ШОҲНОМА

www.sattor.com

www.sattor.com

ОҒОЗИ КИТОБ

Ба номи худованди ҷону хирад,
К-аз ин[1] бартар андеша барнагзарад:

Худованди ному[2] худованди ҷой,[3]
Худованди рӯзидиҳу[4] раҳнамой.

Худованди Кайҳону гардонсипеҳр,
Фурӯзандаи Моҳу Ноҳиду Меҳр.

Зи ному нишону гумон бартар аст,
Нигорандаи баршуда гавҳар аст.

Ба бинандагон офаринандаро
Набинӣ, маранҷон ду бинандаро!

Наёбад бад-ӯ низ андеша роҳ,
Ки ӯ бартар аз ному аз ҷойгоҳ.

Сухан ҳар чи з-ин гавҳарон бигзарад,
Наёбад бад-ӯ роҳ ҷону хирад.

Хирад гар[5] сухан баргузинад ҳаме,
Ҳамонро гузинад, ки бинад ҳаме.

Ситудан надонад кас ӯро чу ҳаст,
Миён бандагиро бибояд-т баст.

Хирадрову ҷонро ҳамесанҷад ӯ,
Дар андешаи сахта кай гунҷад ӯ?

---

1. И – ӯ, 14
2. Л – ҷону.
3. Л – рой.
4. Ж - рӯзидеҳ
5. Л – к-ӯ

www.sattor.com

Бад-ин олату рою ҷону равон
Ситуд офаринандаро кай тавон?

Ба ҳастиш бояд, ки хисту[1] шавӣ,
Зи гуфтори бекор яксӯ шавӣ.

Парастанда бошиву ҷӯяндароҳ,
Ба фармонҳо жарф[2] кардан нигоҳ.

Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад.

Аз ин парда бартар сухан гоҳ[3] нест,
Ба ҳастиш андешаро роҳ[4] нест.

ГУФТОР АНДАР СИТОИШИ ХИРАД

Кунун, эй хирадманд, арҷи[5] хирад
Бад-ин ҷойгаҳ гуфтан андархурад,[6]

Хирад беҳтар аз ҳарчӣ Эзад-т дод,
Ситоиш хирадро беҳ аз роҳи дод.[7]

Хирад раҳнамою хирад дилкушой,
Хирад даст гирад ба ҳар ду сарой.

---

1. Л – хусту.
2. И – Жарфӣ ба фармон-ш.
3. И – роҳ.
4. И – Зи ҳастиш андеша кӯтоҳ.
5. Л – васфи.
6. И Ж – Пас аз б. 16 ин б. омада:
   Касе к-ӯ хирадро надорад зи бун,
   Чӣ дидор ёбад ба шохи сухун.
7. Тп – Пас аз б. 18 ин б. омада:
   Хирад афсари шаҳрёрон бувад,
   Хирад зевари номдорон бувад.
   Хирад зиндаи ҷовидонӣ шинос,
   Хирад мояи зиндагонӣ шинос!

*1. М - чун

www.sattor.com

Аз ӯ шодмонӣ, аз ӯят ғам аст,
Аз ӯят фузунӣ, аз ӯят кам аст.[1]

Хирад тираву марди равшанравон
Набошад ҳаме шодмон як замон.

Чӣ гуфт он ҳунарманд марди хирад,
Ки доно зи гуфтори ӯ бар хурад.

Касе к-ӯ хирадро надорад зи пеш,
Дилаш гардад аз кардаи хеш реш.

Ҳушивор девона хонад варо,
Ҳамон хеш бегона хонад варо.

Аз ӯй ба ҳарду сарой арҷманд,
Гусистахирад пой дорад ба банд.

Хирад чашми ҷон аст, чун бингарӣ,
Ту бе чашм шодон[2] ҷаҳон наспарӣ.

Нахустофариниш хирадро шинос,
Нигаҳбони ҷон асту они сипос.

Сетои ту гӯш[3] асту чашму забон,
К-аз инат расад неку бад бегумон.

Хирадрову ҷонро кӣ ёрад ситуд,
В-агар ман ситоям, кӣ ёрад шунуд?

Ҳакимо, чу кас нест, гуфтан чӣ суд?!
Аз ин пас бигӯ, к-офариниш чӣ буд?

Туӣ кардаи кирдгори ҷаҳон,
Шиносӣ[4] ҳаме ошкору ниҳон.

---

1. И – В – Аз ӯ шодмонӣ в-аз ӯ хуррамист,
Аз ӯ ҳам фузуниву ҳам з-ӯ камист.
2. И – б. 23 нест.
3. И – ҷон.
*1 М – чашми ҷон он.
4. И – Бубинӣ.

www.sattor.com

Ҳамеша хирадро ту дастур дор,
Бад-ӯ ҷонат аз носазо дур дор.

Ба гуфтори донандагон роҳ ҷӯй,[1]
Ба гетӣ бипӯю ба ҳар кас бигӯй.

Зи ҳар донише чун сухан бишнавӣ,
Аз омӯхтан як замон нағнавӣ![2]

Чу дидор ёбӣ ба шохи сухун,
Бидонӣ,[3] ки дониш наёяд ба бун.

ГУФТОР ДАР ОФАРИНИШИ ОЛАМ

Зи оғоз бояд, ки донӣ дуруст,
Сари мояи гавҳарон аз нахуст.

Ки Яздон[4] зи ночиз чиз офарид
Бад-он, то тавоноӣ омад падид.

В-аз ӯ мояи гавҳар омад чаҳор,
Баровард бе ранҷу бе рӯзгор.

Яке оташе баршуда тобнок,
Миён боду об аз бари тирахок.

Нахустин, ки оташ зи ҷунбиш дамид,
Зи гармиш пас хушкӣ омад падид.

В-аз он пас зи ором сардӣ намуд,
Зи сардӣ ҳамон боз тарӣ фузуд.[5]

Чу ин чор гавҳар ба ҷой омаданд,
Зи баҳри сипанҷӣ сарой омаданд.

Гуҳарҳо як андар дигар сохта,
Зи ҳар гуна гардан барафрохта.[6]

1. И – Бикун ёди донандагон, роҳ ҷӯй.
2. Л – б. 32-34 нест.
3. И – Бубинӣ.
4. И – эзид.
5. Л – б. 40, 41 нест. М – б. 41 нест.
6. Л – гунае гардан афрохта.

www.sattor.com

Падид омад ин гунбади тезрав,
Шигифтинамояндаи нав ба нав.

Абар доҳу ду ҳафт шуд кадхудой,
Гирифтанд ҳар кас сазовор ҷой.

Дар ӯ бахшишу дод[1] омад падид,
Бубахшид донандаро, чун сазид.

Фалакҳо як андар дигар баста шуд,
Биҷунбид, чун кор пайваста шуд.

Чу дарёву чун кӯҳу чун дашту роғ
Замин шуд ба кирдори равшан чароғ,

Биболид кӯҳ, обҳо бардамид,
Сари рустанӣ сӯи боло кашид.

Заминро баландӣ набуд ҷойгоҳ,
Яке маркази тира буду сиёҳ.

Ситора ба сар-бар шигифтӣ намуд,
Ба хок-андарун[2] равшаноӣ фузуд.

Ҳаме бар шуд оташ, фуруд омад об,
Ҳаме гашт гирди замин офтоб.

Гиё руст бо чанд гуна дарахт,
Ба боло баромад сароншон зи бахт,

Биболад, надорад ҷуз ин неруе,
Напӯяд чу пӯяндагон ҳар суе.

В-аз он пас чу ҷунбанда омад падид.
Ҳама[3] рустанӣ зери хеш оварид.[4]

---

1. И – додан; Л – Дари бахшишу додан.
2. Л – Бад-ин тирагӣ.
3. И – Сари.
4. ИЗ – Пас аз б. 55 ин б. омада:
   Сараш зер омад ба сони дарахт,
   Нигаҳ кард бояд бад-ин кор сахт.

www.sattor.com

Хуру хобу ором ҷӯяд ҳаме,
В-аз он зиндагӣ ком ҷӯяд ҳаме.

На гӯё забону на ҷӯё хирад,
Зи хору зи хошок тан парварад.

Надонад баду неки фарҷоми кор,
Нахоҳад аз ӯ бандагӣ кирдгор.[1]

Чу доно тавоно буду додгар,
Азеро накард эч пинҳон ҳунар.

Чунин аст фарҷоми кори ҷаҳон,
Надонад касе ошкору ниҳон.

ГУФТОР ДАР ОФАРИНИШИ МАРДУМ

Чу з-ин[2] бигзарӣ, мардум омад падид,
Шуд ин бандҳоро саросар калид.

Сараш рост бар шуд чу сарви баланд,
Ба гуфтори хубу хирад корбанд,

Пазирандаи ҳушу рою хирад,
Мар ӯро даду дом фармон барад.

Зи роҳи хирад бингарӣ андаке,
Ки маънии мардум чӣ бошад, яке.

Магар мардумӣ хира донӣ ҳаме,
Ҷуз инро надонӣ нишоне ҳаме.

Туро аз ду гетӣ баровардаанд,
Ба чандин миёнҷӣ бипарвардаанд.

Нахустини фитрат, пасини шумор
Туӣ, хештанро ба бозӣ мадор!

Шунидам зи доно дигаргуна з-ин
Чӣ донем рози ҷаҳонофарин.

1. Л – б. 55-58 нест.
2. И – аз ӯ.

www.sattor.com

Нигаҳ кун, саранҷоми худро бубин,
Чу коре биёбӣ,[1] беҳӣ баргузин!

Ба ранҷ-андар орӣ танатро, равост,
Ки худ ранҷ бурдан ба дониш сазост.

Чу хоҳӣ, ки ёбӣ зи ҳар бад раҳо,
Сар андарнаёрӣ ба доми бало!

Бувӣ, дар ду гетӣ зи бад растагор,
Накӯкор гардӣ бари кирдгор.

Нигаҳ кун аз ин[2] гунбади тезгард,
Ки дармон аз ӯяст у з-ӯяст[3] дард.

На гашти замона бифарсоядаш,
На ин[4] ранҷу тимор бигзоядаш.

На аз ҷунбиш ором гирад ҳаме,
На чун мо табоҳӣ пазирад ҳаме.

Аз ӯ дон[5] фузунӣ, аз ӯ дон[6] шумор,
Баду нек наздики ӯ ошкор.

ГУФТОР АНДАР ОФАРИНИШИ ОФТОБ

Зи ёқути сурх аст чархи кабуд,
На аз боду обу на аз гарду дуд.

Ба чандон фурӯғу ба чандон чароғ
Биёроста чун ба Наврӯз боғ.

Равон андар ӯ гавҳари дилфурӯз,
К-аз ӯ равшаноӣ гирифтаст рӯз.

---

1. ИЛ – Накӯном бошӣ.
2. Л – бад-ин; И – бар ин.
3. И – з-ӯ гаштӣ.
4. ИЛ – он.
5. И – мон.
6. И – мон; Л – ҳам.

www.sattor.com

Ки ҳар бомдоде чу заррин сипар,
Зи Машриқ барорад фурӯзанда сар.

Замин пӯшад аз нур пироҳано,
Шавад тиратегӣ бад-ӯ равшано!

Чу аз Машриқ ӯ сӯи Ховар кашад,
Зи Машриқ шаби тира сар баркашад.

Нагиранд мар якдигарро гузар,
Набошад аз ин як равиш росттар.

Аё, он ки ту офтобӣ ҳаме,
Чӣ будат, ки бар ман натобӣ ҳаме?

ДАР ОФАРИНИШИ МОҲ

Чароғест мар тирашабро басеч,
Ба бад то тавонӣ, ту ҳаргиз мапеч!

Ду рӯзу ду шаб рӯй нанмоядо,[1]
Ҳамоно зи гардиш бифарсоядо.[2]

Падид ояд он гоҳ борику зард,
Чу пушти касе, к-ӯ ғами ишқ х(в)ард.

Чу бинанда дидораш аз дур дид,
Ҳам андар замон ӯ шавад нопадид.

Дигар шаб намоиш кунад пештар,
Туро равшаноӣ диҳад бештар.

Ба ду ҳафта гардад тамому дуруст,
Бад-он боз гардад, ки буд аз нахуст.

Бувад ҳар шабонгоҳ бориктар,
Ба хуршеди тобанда наздиктар.

Бад-ин сон ниҳодаш Худованди дод,
Бувад, то бувад ҳам бад-ин як ниҳод.

1. ИЛ – Чу сӣ рӯз гирдаш бипаймоядо,
2. И – Ду рӯзу ду шаб рӯй бинмоядо.

www.sattor.com

СИТОИШИ ПАЙҒАМБАР ВА ЁРОНАШ

Туро донишу дин раҳонад[1] дуруст,
Раҳи[2] растагорӣ бибояд-т ҷуст.

Агар дил нахоҳӣ, ки бошад нажанд,
Нахоҳӣ, ки доим бувӣ мустаманд,

Ба гуфтори пайғамбарат[3] роҳ ҷӯй,
Дил аз тирагиҳо бад-ин об шӯй.

Чӣ гуфт он худованди[4] танзилу ваҳй,
Худованди амру худованди наҳй,

Ки хуршед баъд аз расулони меҳ
Натобид бар кас зи Бӯбакр беҳ.

Умар кард исломро ошкор,
Биёрост гетӣ чу боғи баҳор.

Пас аз ҳарду он буд Усмон гузин,
Худованди шарму худованди дин.

Чаҳорум Алӣ буд ҷуфти Батул,
Ки ӯро ба хубӣ ситояд расул,

Ки «Ман шаҳри илмам, Алиям дар аст»,
Дуруст, ин сухан қавли пайғамбар аст.

Гувоҳӣ диҳам, к-ин сухан рози ӯст,
Ту гӯй, ду гӯшам бар овози ӯст.[5]

Алиро чунин дону дигар ҳамин,
К-аз эшон қавӣ шуд ба ҳар гуна дин.

---

1. И – ниҳода.
2. ИЛ – Дари.
3. И – пайғамбаре.
4. И – хирадманд.
5. ТПЗ – Бад-он бош, к-ӯ гуфт, з-он* бармагард,
   Чу** гуфтору роят*** наёяд**** ба дард.

* И – зӯ; ** И – чи; *** И – гуфтори ӯят; **** З – наёрад.

www.sattor.com

Набӣ офтобу саҳобон чу моҳ,
Ба ҳам бастани якдигаррост роҳ.[1]

Манам бандаи аҳли байти набӣ,
Ситояндаи хоки пои васӣ.[2]

Або дигарон мар маро кор нест,
Ҷуз ин мар маро роҳи гуфтор нест.

Ҳаким ин ҷаҳонро чу дарё ниҳод,
Барангехта мавҷ аз ӯ тундбод.

Чу ҳафтод киштӣ бар ӯ сохта,
Ҳама бодбонҳо барафрохта.

Яке паҳнкиштӣ ба сони арӯс
Биёроста ҳамчу чашми хурӯс.

Муҳаммад бад-ӯ - андарун бо Алӣ,
Ҳамон аҳли байти набиву васӣ,[3]

Хирадманд, к-аз дур дарё бидид,
Карона на пайдову бун нопадид,

Бидонист, к-ӯ мавҷ хоҳад задан,
Кас аз ғарқ берун нахоҳад шудан.

Ба дил гуфт, агар бо набиву васӣ
Шавам ғарқа, дорам ду ёри вафӣ.

Ҳамоно, ки бошад маро дастгир
Худованди тоҷу ливову сарир.

Худованди ҷӯи маю ангабин,
Ҳамон чашмаи ширу моъи маъин.

Агар чашм дорӣ, ба дигар сарой
Ба назди набиву васӣ[4] гир[5] ҷой.

---

1. И – б. 103, 104 нест.
2. Л – валӣ.
3. Л – валӣ.
4. Л – валӣ.
5. И – ҷӯй.

www.sattor.com

Гарат з-ин бад омад, гуноҳи ман аст,
Чунин аст оину[1] роҳи ман аст.

Бар ин зодаму ҳам бар ин бугзарам,
Чунон дон, ки хоки паи Ҳайдарам.

Дилат гар ба роҳи хато моил аст,
Туро душман андар ҷаҳон худ дил аст.

Набошад ҷуз аз бепадар[2] душманаш,
Ки Яздон ба оташ бисӯзад танаш.

Ҳар он кас, ки дар дил-ш буғзи Алист,
Аз ӯ зортар дар ҷаҳон зор кист?[3]

Нигар, то надорӣ ба бозӣ ҷаҳон,
Набаргардӣ аз некпай ҳамраҳон.

Ҳама некият бояд оғоз кард,
Чу бо некномон бувӣ ҳамнавард.[4]

Аз ин дар сухан чанд ронам ҳаме,
Ҳамоно каронаш надонам ҳаме.

ГУФТОР АНДАР ФАРОҲАМ ОВАРДАНИ «ШОҲНОМА»

Сухан гуфта шуд, гуфтанӣ ҳам намонд,
Ман аз гуфта хоҳам яке бо ту ронд.

Сухан ҳарчӣ гӯям, ҳама гуфтаанд,
Бари боғи дониш ҳама руфтаанд.

Агар бар дарахти барӯманд ҷой
Наёбам,[5] ки аз бар шудан нест рой.

---

1. И – ин дину; Л – в-ин расму.
2. И – чунин бад агар.
3. Л – б. 121 нест.
4. ТПЗ – Накӯӣ ба ҳар ҷо чу ояд ба кор,
   Накӯӣ гузин в-аз бадӣ шарм дор!
5. И – Наёбӣ.

www.sattor.com

Касе к-ӯ шавад зери нахли баланд,
Ҳамон соя з-ӯ боздорад газанд.

Тавонам магар пойгаҳ сохтан
Бари шохи он сарви сояфикан,

К-аз ин номаи номвар шаҳрёр
Ба гетӣ бимонам яке ёдгор.

Ту инро дурӯғу фасона мадон,
Ба яксон равиш дар замона мадон.

Аз ӯ ҳарчӣ андархурад бо хирад,
В-агар бар раҳи рамз маънӣ барад,[1]

Яке нома буд аз гаҳи бостон,
Фаровон бад-ӯ - андарун достон.

Пароканда дар дасти ҳар мӯбаде,
Аз ӯ баҳрае бурда ҳар бихраде.

Яке паҳлавон буд деҳқоннажод,
Далеру бузургу хирадманду род.

Пижӯҳандаи[2] рӯзгори нахуст,
Гузашта суханҳо ҳама бозҷуст.

Зи ҳар кишваре мӯбаде солх(в)ард
Биёвард, к-ин номаро гирд[3] кард.

Бипурсидашон аз нажоди каён,
В-аз он номдорони фаррухгавон,[4]

Ки гетӣ ба оғоз чун доштанд,
Ки эдар ба мо хор бигзоштанд?

1. И – Дигар пардаи рамз маънӣ барад; Л – Дигар бора з-ин раҳ ба маънӣ барад.
2. Л – Бар ӯ бар басе.
3. ИЛ – ёд.
4. ИЛ – фаррухмеҳон.

www.sattor.com

Чӣ гуна сар омад ба некахтарӣ
Бар эшон ҳама рӯзи кундоварӣ?

Бигуфтанд пешаш якояк меҳон
Суханҳои шоҳону гашти ҷаҳон.

Чу бишнид з-эшон сипаҳбад сухун,
Яке номвар нома афканд бун.

Чунон ёдгоре шуд андар ҷаҳон,
Бар ӯ офарин аз кеҳону меҳон.

ДОСТОНИ ДАҚИҚИИ ШОИР

Чу аз дафтар ин достонҳо басе
Ҳаме хонд хонанда бар[1] ҳар касе,

Ҷаҳон дил ниҳода бад-ин достон
Ҳама бихрадон низу ҳам[2] ростон.

Ҷавоне биёмад кушодазабон,
Сухан гуфтани хубу равшан равон.[3]

«Ба назм[4] орам ин номаро-гуфт-ман».
Аз ӯ шодмон шуд дили анҷуман.

Ҷавонишро хӯи бад ёр буд,
Або бад ҳамеша ба[5] пайкор буд.

Бар ӯ тохтан кард ногоҳ марг,
Ба сар барниҳодаш яке тира тарг.

Бад-он хӯи бад ҷони ширин бидод,
Набуд аз ҷаҳон дил-ш[6] як рӯз шод.

1. Л – бо.
2. И – Ҳамон бихрадону ҳамон.
3. Л – табъе равон; И – табъи тавон.
4. ИЛ – шеър.
5. И – Ҳама сол бо бад.
6. Л – ҷавониш.

www.sattor.com

Якояк аз ӯ бахт баргашта шуд.
Ба дасти яке банда-бар кушта[1] шуд[2].

Бирафт ӯву ин нома ногуфта монд,
Чунон бахти бедори ӯ хуфта монд.[3]

Худоё, бубахшо[4] гуноҳи варо,
Бияфзой дар ҳашр ҷоҳи варо!

ГУФТОР ДАР БУНЁД НИҲОДАНИ КИТОБ

Дили равшани ман чу баргашт аз ӯй,
Сӯи тахти шоҳи ҷаҳон кард[5] рӯй,

Ки ин номаро даст пеш оварам,
Зи дафтар ба гуфтори[6] хеш оварам.

Бипурсидам аз ҳар касе бешумор,
Битарсидам аз гардиши рӯзгор.

Магар худ дирангам набошад басе,
Бибояд супурдан ба дигар касе.

Ва дигар, ки ганҷам вафодор нест,
Ҳамон ранҷро кас[7] харидор нест.

Замона саросар пур аз ҷанг буд,
Ба ҷӯяндагон-бар ҷаҳон танг буд.

Бар ин гуна якчанд бигзоштам,
Суханро нуҳуфта ҳамедоштам.

Надидам касе, к-аш сазовор буд,
Ба гуфтори ин мар маро ёр буд.[8]

1. И – Чунон бахти бедори ӯ хуфта.
2. ТПЗ – Зи Гуштоспу Арҷосп байте ҳазор
Бигуфту сар омад бар ӯ рӯзгор.
3. И – б. 152 нест.
4. И – Бикун афв, ё раб.
5. И – шоҳаншаҳ овард.
6. И – ба пайванди;
7. И – Ҳам ин ранҷи касро. Л – ба пайванду.
8. ИЛ – б. 160-161 нест.

www.sattor.com

Зи некӯ сухан беҳ чӣ андар ҷаҳон?
Бар ӯ офарин аз кеҳону[1] меҳон[2]!

Агар беҳ набудӣ сухан аз Худой,
Набӣ кай будӣ назди мо раҳнамой?!

Ба шаҳрам яке меҳрубон дӯст буд,
Ту гуфтӣ, ки бо ман ба як пӯст буд.

Маро гуфт: «Хуб омад ин рои ту,
Ба некӣ гирояд ҳаме пои ту.

Набишта ман ин номаи паҳлавӣ,
Ба пеши ту орам, магар нағнавӣ.

Кушода забону ҷавонит ҳаст,
Сухан гуфтани паҳлавонит ҳаст.

Ту[3] ин номаи хусравон бозгӯй,
Бад-ин ҷӯй назди меҳон обрӯй».

Чу овард ин нома наздики ман,
Барафрӯхт ин ҷони торики ман.

АНДАР СИТОИШИ АБӮМАНСУР ИБНИ МУҲАММАД

Бад-ин нома чун даст кардам дароз,
Яке меҳтаре буд гарданфароз,

Ҷавон[4] буд аз гавҳари паҳлавон,
Хирадманду бедору равшанравон.

Худованди рою худованди шарм,
Сухан гуфтани хубу овои[5] нарм.

1. Л – Миёни кеҳону миёни.
2. И – Ба назди сухансанҷ фаррухмеҳон.
3. И – Шав.
4. И – Чу он.
5. Л – овози.

www.sattor.com

Маро, гуфт, к-«Аз ман чӣ бояд ҳаме,
Ки ҷонат сухан баргирояд[1] ҳаме?»

Ба чизе ки бошад маро дастрас,
Бикӯшам,[2] ниёзат наёрам ба кас.

Ҳаме доштам чун яке тоза себ,
Ки аз бод н-ояд ба ман-бар ниҳеб.

Ба кайвон расидам зи хоки нажанд,
Аз он некдил, номдор арҷманд.

Ба чашмаш ҳамон хоку ҳам симу зар,
Бузургӣ[3] бад-ӯ ёфта зебу фар.

Саросар ҷаҳон пеши ӯ хор буд,
Ҷавонмард буду вафодор буд.[4]

Чунон номвар гум шуд аз анҷуман,
Чу аз бод сарви саҳӣ аз[5] чаман.

На з-ӯ зинда бинам, на мурда нишон,
Ба дасти наҳангони мардумкушон.[6]

Дареғ он камарбанду он гирдгоҳ.
Дареғ он каӣ бурзу болои шоҳ![7]

Гирифтор з-ӯ дил шуда ноумед,
Равон[8] ларз-ларзон ба кирдори бед.[9]

---

1. И – баргизояд.
2. И – Зи гетӣ.
3. Л – Каримӣ.
4. И – б. 177, 178 нест.
5. И – дар.
6. И – гарданкашон.
7. И – б. 181 нест.
8. И – Тавон; Л – Навон.
9. ТПЗ - Ситам бод бар ҷони ӯ моҳу сол,
   Куҷо бар тани шоҳ шуд бадсигол.

www.sattor.com

Яке панди он шоҳ ёд оварам,[1]
Зи кажжӣ равон[2] сӯи дод оварам.[3]

Маро гуфт, к-«Ин номаи шаҳрёр
Гарат гуфта ояд, ба шоҳон супор!»

Дили ман ба гуфтори ӯ ром шуд,
Равонам бад-ин шоду пидром шуд.[4]

Бад-ин нома ман даст кардам[5] дароз
Ба номи шаҳаншоҳи гарданфароз.[6]

Худованди тоҷу худованди тахт,
Ҷаҳондори пирӯзу бедорбахт.[7]

АНДАР СИТОИШИ СУЛТОН МАҲМУД

Ҷаҳонофарин то ҷаҳон офарид,
Чу ӯ шаҳрёре[8] наёмад падид.

Чу хуршед бар гоҳ бинмуд тоҷ,
Замин шуд ба кирдори тобанда оҷ.

Чӣ гӯӣ, ки хуршеди тобон кӣ буд,
К-аз ӯ дар ҷаҳон равшаноӣ фузуд?

Абулқосим он шоҳи пирӯзбахт
Ниҳод аз бари тоҷи хуршед тахт.[9]

---

1. ИЛ – оварем.
2. И – дарун.
3. ИЛ – оварем.
4. ИЛ – б. 185 нест;
   ТПЗ – Чу ҷони раҳӣ панди ӯ кард ёд,
   Дижам гашт аз панди ӯ роду шод.
5. ИЛ – будам.
6. И – гетинавоз.
7. ИЛ – б. 187 нест.
8. И – Кунун бозгардам ба оғози кор
   Сӯи номаи номвар шаҳрёр.
   Ж – Чун ӯ марзбоне
9. Л – Худованди тоҷу худованди тахт.

www.sattor.com

Зи Ховар биёрост то Бохтар,
Падид омад аз фарри ӯ кони зар.

Маро ахтари хуфта бедор гашт,
Ба мағз-андар андеша бисёр гашт.

Бидонистам, омад[1] замони сухан,
Кунун нав шавад рӯзгори куҳан.

Бар андешаи шаҳрёри замин
Бихуфтам шабе лаб пур аз офарин.

Дили ман чу нур андар он тирашаб
Бихуфта кушодадилу басталаб.

Чунон дид равшан равонам ба хоб,
Ки рахшанда шамъе баромад зи об.

Ҳама рӯи гетӣ шаби лоҷвард
Аз он шамъ гаштӣ чу ёқути зард.

Дару дашт бар сони дебо шудӣ,
Яке тахти пирӯза пайдо шудӣ.

Нишаста бар ӯ шаҳрёре чу моҳ,
Яке тоҷ бар сар ба ҷои кулоҳ.

Рада баркашида сипоҳаш ду мил,
Ба дасти чапаш ҳафтсад жандапил.

Яке пок дастур пешаш ба пой,
Ба доду ба дин шоҳро раҳнамой.

Маро хира гаштӣ сар аз фарри шоҳ,
В-аз он жандапилону чандон сипоҳ.

Чу он чеҳраи хусравӣ дидаме,
Аз он номдорон бипурсидаме,

1. ИЛ – Бидонист, к-омад.

www.sattor.com

Ки «Ин чарху моҳ аст, ё тоҷгоҳ,
Ситораст пеш-андараш, ё сипоҳ?»

Яке гуфт: «Ин шоҳи Рум асту Ҳинд,
Зи Қаннуҷ то пеши дарёи Синд.

Ба Эрону Турон варо бандаанд,
Ба рою ба фармони ӯ зиндаанд.

Биёрост рӯи заминро ба дод,
Бипардахт аз он, тоҷ бар сар ниҳод.

Ҷаҳондор - Маҳмуд, шоҳи[1] бузург
Ба обишхур орад ҳаме мешу гург.

Зи Кашмир то пеши дарёи Чин
Бар ӯ шаҳрёрон кунанд офарин.

Чу кӯдак лаб аз шири модар бишуст,
Ба[2] гаҳвора «Маҳмуд» гӯяд нахуст.

Ту низ офарин кун, ки гӯяндаӣ,
Бад-ӯ номи ҷовид ҷӯяндаӣ.

Напечад[3] касе сар зи фармони ӯй,
Наёрад гузаштан зи паймони ӯй.»[4]

Чу бедор гаштам, бичастам зи ҷой,
Чӣ моя шаби тира будам ба пой.

Бар он шаҳрёр офарин хондам,
Набудам дирам, ҷон барафшондам,

Ба дил гуфтам: «Ин хобро посух аст,
Ки овози ӯ дар ҷаҳон фаррух аст.»

1. И – Ҷаҳондори поку худои.
2. ИЛ – Зи.
3. И – Натобад.
4. Л – б. 213 нест.

www.sattor.com

Бар ӯ[1] офарингӯ кунад офарин,
Бар он бахти бедору тоҷу нигин.[2]

Зи фарраш ҷаҳон шуд чу боғи баҳор,
Ҳаво пур зи абру замин пурнигор.

Зи абр андаромад ба ҳангом нам,
Ҷаҳон шуд ба кирдори боғи Ирам.

Ба Эрон ҳама хубӣ аз доди ӯст,
Куҷо ҳаст мардум, ҳама ёди ӯст.

Ба базм-андарун осмони вафост,
Ба разм-андарун тезчанг аждаҳост.

Ба тан жандапилу ба ҷон Ҷабраил,
Ба каф[3] абри баҳман, ба дил[4] рӯди Нил.

Сари бахти бадхоҳ аз хашми ӯй
Чу динор хор аст бар чашми ӯй.

На кундоварӣ гирад аз тоҷу ганҷ,
На дил тира дорад зи разму зи ранҷ.

Ҳар он кас, ки дорад зи парвардагон,
Зи[5] озоду аз некдил бардагон,[6]

Шаҳаншоҳро сар ба сар дӯстдор,[7]
Ба фармон бибаста камар устувор.

Шуда ҳар яке шоҳ бар кишваре,
Равон номашон дар ҳама дафтаре,[8]

Нахустин бародар-ш кеҳтар ба сол,
Ки дар мардумӣ кас надорад ҳамол.[9]

---

1. И – он.
2. ИЛ – Бад-ин бахти бедору фаррухзамин.
3. Л – дил.
4. Л- каф.
5. И – Аз.
6. И – бандагон.
7. И – дӯствор.
8. И – б. 227 нест.
9. Л – б. 226-228 нест.

www.sattor.com

Зи гетӣ парастандаи фарри Наср,
Зияд шод дар сояи шоҳи аср.

Касе к-аш падар Носируддин бувад,
Сари тахти ӯ тоҷи парвин бувад.

Худованди мардиву рою ҳунар,
Бад-ӯ шодмон меҳтарон сар ба сар.[1]

Ва дигар диловар сипаҳдор Тус,
Ки дар ҷанг бар шер дорад фусус.[2]

Бибахшад дирам, ҳарчӣ ёбад зи даҳр,
Ҳаме офарин ҷӯяд аз даҳр баҳр,

Ба Яздон бувад халқро раҳнамой,
Сари шоҳ хоҳад, ки монад[3] ба ҷой,

Ҷаҳон бе сару тоҷи хусрав мабод,
Ҳамеша бимонод ҷовид[4] шод!

Ҳамеша танобод, бо тоҷу тахт,
Зи дарду ғам озоду пирӯзбахт!

Кунун боз гардам ба оғози кор,
Сӯи номаи номвар шаҳрёр.

ОҒОЗИ ДОСТОН

Подшоҳии Каюмарс – аввалини мулуки Аҷам сӣ сол буд

Сухангӯй деҳқон чӣ гӯяд нахуст,
Ки тоҷи бузургӣ ба гетӣ кӣ ҷуст?

Кӣ буд он ки дайҳим бар сар ниҳод?
Надорад кас аз рӯзгорон ба ёд.

1. И – б. 230 нест.
2. Л – б. 230, 231 нест.
3. ИЛ – бошад.
4. ИЛ – ҷовиду.

www.sattor.com

Магар, к-аз падар ёд дорад писар,
Бигӯяд туро як ба як аз[1] падар,

Ки номи бузургӣ кӣ овард пеш?
Киро буд аз он бартарон поя беш?!

Пижӯҳандаи номаи бостон,
Ки аз паҳлавонон занад достон,

Чунин гуфт, к-«Оини тахту кулоҳ[2]
Каюмарс оварду ӯ буд шоҳ.

Чу омад ба бурҷи ҳамал офтоб,
Ҷаҳон гашт бо фарру оину об,

Битобид з-он сон[3] зи бурҷи бара,
Ки гетӣ ҷавон гашт аз ӯ[4] яксара.

Каюмарс шуд бар ҷаҳон кадхудой,
Нахустин ба кӯҳ - андарун сохт[5] ҷой.

Сари тахту бахташ[6] баромад зи кӯҳ,
Палангина пӯшид[7] худ бо гурӯҳ.

Аз ӯ андаромад[8] ҳаме парвариш,
Ки пӯшиданӣ нав буду нав х(в)ариш.

Ба гетӣ[9] - дарун сол сӣ шоҳ буд,
Ба хубӣ чу хуршед бар гоҳ буд.

Ҳаметофт аз тахти[10] шоҳаншаҳӣ
Чу моҳи дуҳафта зи сарви саҳӣ.

---

1. И – дар.
2. И – к-«Ин тахту мӯҳру кулоҳ.
3. И – тан.
4. И – з-он.
5. И – дашт; Л – кард.
6. Л – сару тоҷу тахташ.
7. И – пӯшида.
8. Л – эдаромад.
9. И – бар ӯ.
10. Л – з-ӯ бахти.

www.sattor.com

Даду дом ҳар ҷонвар, к-аш бидид,
Зи гетӣ ба наздики ӯ орамид.

Дуто мешудандӣ[1] бари тахти ӯй,
Аз он баршуда фарраи бахти ӯй.[2]

Ба расми намоз омадандиш пеш,
Аз он ҷойгаҳ баргирифтанд кеш.

Писар буд мар ӯро яке хубрӯй,
Ҳунарманду ҳамчун падар номҷӯй.

Сиёмак будаш ному фархунда буд,
Каюмарсро дил бад-ӯ зинда буд.

Зи гетӣ ба дидори ӯ шод буд,
Ки бас борвар шохи[3] бунёд буд,

Ба ҷонаш - бар[4] аз меҳр гирён будӣ,
Зи бими ҷудоиш бирён будӣ.[5]

Баромад бар ин кор як рӯзгор,
Фурӯзанда шуд давлати шаҳрёр.

Ба гетӣ набудаш касе душмано,
Магар дар ниҳон[6] риман Оҳармано!

Ба рашк - андар Оҳармани бадсигол
Ҳаме рой зад, то биболид бол.[7]

Яке бачча будаш чу гурги сутург,
Диловар шуда бо сипоҳи бузург.

1. Л – Дутоӣ шудандӣ.
2. И – Аз он фарру з-он баршуда бахти ӯ.
3. ИЛ – шоҳу.
4. Л – ҷонаш пур.
5. ТПЗ – Чунин аст оину расми ҷаҳон,
Падарро ба фарзанд бошад тавон.
6. ИЛ – Ҷуз андар ҷаҳон.
7. Л – б. 23 нест.

www.sattor.com

Сипаҳ карду наздики ӯ роҳ ҷуст,
Ҳаме тахту дайҳими Кайшоҳ ҷуст.

Ҷаҳон шуд бар он девбачча сиёҳ
Зи бахти Сиёмак, ҳам[1] аз бахти шоҳ.

Ҳамегуфт бо ҳар касе рози хеш,
Ҷаҳон кард яксар пуровози хеш.

Каюмарс з-ин худ кай огоҳ буд,
Ки ӯро ба даргоҳ бадхоҳ[2] буд?

Якояк биёмад хуҷаста суруш
Ба сони парие палангинапӯш.

Бигуфташ ба роз ин сухан дар ба дар,
Ки душман чӣ созад ҳаме бо писар?»

КУШТА ШУДАНИ СИЁМАК БАР ДАСТИ ДЕВ

Сухан чун ба гӯши Сиёмак расид
Зи кирдори бадхоҳ деви палид,

Дили шоҳбачча баромад ба ҷӯш,
Сипоҳ анҷуман карду бикшод гӯш.

Бипӯшид танро ба чарми паланг,
Ки ҷавшан набуд он гаҳ[3] оини ҷанг.

Пазира шуда[4] девро ҷангҷӯй,
Сипаҳро чу рӯй андаромад ба рӯй.

Сиёмак биёмад[5] бараҳнатано,
Баровехт[6] бо пури Оҳармано!

1. Л- чи.
2. Л – Ки тахти меҳиро ҷуз ӯ шоҳ.
3. И – худ зи; Л – худ ба.
4. И – худаш; Л – шуд он.
5. И – баромад.
6. И – Биёвехт.

www.sattor.com

Бизад чанг воруна*[1] деви сиёҳ,
Дуто андаровард болои шоҳ.

Фиканд он тани шоҳбачча ба хок,
Ба чангол кардаш ҷигаргоҳ[2] чок.

Сиёмак ба дасти чунон зиштдев[3]
Табаҳ гашту монд анҷуман бехидев,

Чу огаҳ шуд аз марги фарзанд шоҳ,
Зи тимор гетӣ бар ӯ шуд сиёҳ.

Фуруд омад аз тахт вайлакунон,
Ба нохун танаш гӯштпораканон.[4]

Ду рухсор пурхуну дил сӯгвор,
Дижам карда бар хештан рӯзгор.

Сипаҳ сар ба сар зору гирён шуданд,
Бар он оташи сӯг[5] бирён шуданд.

Хурӯше баромад зи лашкар ба зор,
Кашиданд саф бар дари шаҳрёр.

Ҳама ҷомаҳо карда пирӯзаранг,
Ду чашмон пур аз хуну рух бодранг.[6]

Даду мурғу нахчир гашта[7] гурӯҳ,
Бирафтанд вайлакунон сӯи кӯҳ.

Бирафтанд бо[8] сӯгвориву дард,
Зи даргоҳи Кайшоҳ[9] бархост гард.[10]

1. М - вожуна
2. И – кард он камаргоҳ; Л – кардаш камаргоҳ.
3. ИЛ – Хазарвондев.
4. И – Занон бар сару дасту бозуканон.
5. И – тез.
6. И – Ду чашм абри хунин, ду рухсора занг.
7. Л – карда.
8. Л – Якояк пур аз.
9. Л – хиргоҳи он шоҳ.
10. И – б. 45 – 46 нест.

www.sattor.com

Нишастанд соле чунин сӯгвор,
Паём омад аз довари кирдгор.

Дуруд оваридаш хуҷаста суруш,
К-аз ин беш махрӯшу боз ор ҳуш.

Сипаҳ созу баркаш ба фармони ман,[1]
Баровар яке гард аз он анҷуман.

Аз он бадкуниш дев рӯи замин
Бипардозу пардахта кун дил зи кин.

Каи номвар сар сӯи осмон
Бароварду бад хост бар бадгумон.

Бад-он бартарин[2] номи яздоншро
Бихонду биполуд мижгоншро.[3]

В-аз он пас ба кини Сиёмак шитофт,
Шабу рӯз орому хуфтан наёфт.

РАФТАНИ ҲУШАНГ ВА КАЮМАРС БА ҶАНГИ ДЕВИ СИЁҲ

Сиёмак хуҷаста яке пур дошт,
Ки назди ниё ҷои дастур дошт.

Гаронмояро ном Ҳушанг буд,
Ту гуфтӣ, ҳама ҳушу фарҳанг буд.

Ба назди ниё ёдгори падар,
Ниё парварида мар ӯро ба бар.

Ниёяш ба ҷои писар доштӣ,
Ҷуз ӯ бар касе чашм нагмоштӣ.

Чу бинҳод дил кинаву ҷангро,
Бихонд он гаронмоя Ҳушангро.

1. И – ба фармон-ш тан.
2. И – бартарӣ.
3. Л – б. 51, 52 нест.

www.sattor.com

Ҳама гуфтаниҳо бад-ӯ бозгуфт,
Ҳама розҳо баркушод аз нуҳуфт.

Ки ман лашкаре кард[1] хоҳам ҳаме,
Хурӯше баровард хоҳам ҳаме.

Туро буд бояд ҳаме пешрав,
Ки ман рафтаниям, ту солори нав.

Париву паланг анҷуман карду шер,
Зи даррандагон гургу бабри далер.[2]

Сипоҳи даду дому мурғу парӣ,
Сипаҳдор бо кабру[3] кундоварӣ.

Паси пушти лашкар Каюмарсшоҳ
Набера ба пеш - андарун бо сипоҳ.

Биёмад сияҳдев бо тарсу бок,
Ҳаме б-осмон - бар пароканд хок.

Зи ҳуррои даррандагон чанги дев
Шуда суст бар чашми кайҳонхидев.

Ба ҳам дарфитоданд ҳарду гурӯҳ,
Шуданд аз даду дом девон сутӯҳ,

Биёзид Ҳушанг чун шер чанг,
Ҷаҳон кард бар деви настӯҳ танг.

Кашидаш саропой яксар дувол,
Сипаҳбад бурид он сари беҳамол.

Ба пой - андар афканду биспард хор,
Дарида бар ӯ чарму баргашта кор.

---

1. Л – гурд.
2. ТПЗ – Ба фармони шоҳи ҷаҳон буд ҳама,
Сипоҳиву ваҳшиву мурғу рама.
3. Л – пуркину.

www.sattor.com

Чу омад мар он кинаро хостор,
Сар омад Каюмарсро рӯзгор.

Бирафту ҷаҳон мурдарӣ монд аз ӯй,
Нигар, то киро назди ӯ обрӯй?!

Ҷаҳони фиребандаро гирд кард,
Раҳи суд паймуду моя нах(в)ард.[1]

Ҷаҳон сар ба сар чун фасонасту бас,
Намонад баду нек бар ҳеч кас.

ҲУШАНГ

Подшоҳии Ҳушанг чиҳил сол буд

Ҷаҳондор Ҳушанги борою дод
Ба ҷои ниё тоҷ бар сар ниҳод.

Бигашт аз бараш чарх соле чиҳил,
Пур аз ҳуш мағзу пур аз дод[2] дил.

Чу биншаст бар ҷойгоҳи меҳӣ,
Чунин гуфт бар тахти шоҳаншаҳӣ,

Ки «Бар ҳафт кишвар манам подшо,
Ба ҳар ҷой пирӯзу фармонраво.

Ба фармони Яздони пирӯзгар
Ба доду диҳиш танг баста[3] камар».

Ва-з он пас ҷаҳон яксар обод кард,
Ҳама рӯи гетӣ пур аз дод кард.[4]

Нахустин яке гавҳар омад ба чанг,
Ба дониш[5] зи оҳан ҷудо кард санг.

1. И – сармоя хвард.
2. И – рой.
3. Л – бастам; И – баста дорам.
4. И – б. 6 нест.
5. И – Ба оташ.

www.sattor.com

Сари моя кард оҳани обгун,
К-аз[1] он санги хоро кашидаш бурун.

Чу бишнохт,[2] оҳангарӣ пеша кард,
Кучо з-ӯ[3] табар[4], арраву теша кард.

Чу ин карда шуд, чораи об сохт,
Зи дарё бароварду ҳомун навохт.[5]

Ба ҷӯю ба рӯд обро роҳ кард,
Ба фарри каӣ ранҷ кӯтоҳ кард.

Чу огоҳмардум бар он барфузуд,
Парокандани тухму кишту дуруд.

Басечид[6] пас ҳар касе нони хеш,
Биварзиду[7] бишнохт сомони хеш,

Аз ин пеш, к-ин корҳо шуд басеч,
Набуд хӯрданиҳо ҷуз аз мева ҳеч.

Ҳама кори мардум набудӣ бабарг,
Ки пӯшиданишон ҳама буд барг.

Ниёро ҳаме буд оину кеш,[8]
Парастидани эзадӣ буд пеш.[9]

Бад-он гаҳ будӣ оташи хубранг,
Чу мар тозиёнрост меҳроб санг.

Ба санг - андар оташ аз ӯ шуд падид,
К-аз ӯ равшанӣ дар ҷаҳон густарид.

1. Л – Аз.
2. Л – бархост.
3. Л – Чу гозу.
4. И – Ба оҳангарӣ.
5. Л – ба ҳомун-ш андарфарохт.
6. И – Биварзид.
7. И – Бисанҷиду.
8. Л – ҳамин буд оин зи пеш.
9. Л – кеш.

www.sattor.com

БУНЁД НИҲОДАНИ ҶАШНИ САДА

Яке рӯз шоҳи ҷаҳон сӯи кӯҳ
Гузар кард бо чанд кас ҳамгурӯҳ.

Падид омад аз дур чизе дароз,
Сияҳрангу тиратану тезтоз.

Ду чашм аз бари сар чу ду чашма хун,
Зи дуди даҳонаш ҷаҳон тирагун.

Нигаҳ кард Ҳушанги боҳушу санг,
Гирифташ яке сангу шуд пешчанг.

Ба зӯри каёнӣ биёзид даст,
Ҷаҳонсӯз мор аз ҷаҳонҷӯ биҷаст.

Баромад ба санги гарон санги хурд,
Ҳам ону ҳам ин санг бишкаст хурд.

Фурӯғе падид омад аз ҳарду санг,
Дили санг гашт аз фурӯғ озаранг.

Нашуд мор кушта, валекин зи роз
Падид омад оташ аз он санг боз.

Ҳар он кас, ки бар санг оҳан задӣ,
Аз ӯ равшаноӣ падид омадӣ.

Ҷаҳондор пеши ҷаҳонофарин
Ниёиш ҳаме карду хонд офарин.[1]

Ки ӯро фурӯғе чунин ҳадя дод,
Ҳамин оташ он гоҳ қибла ниҳод.

Бигуфто: «Фурӯғест ин эзадӣ,
Парастид бояд, агар бихрадӣ».

Шаб омад, барафрӯхт оташ чу кӯҳ,
Ҳамон шоҳ дар гирди ӯ бо[2] гурӯҳ.

---

1. Л – ҳаме кард сар бар замин.
2. И – шоҳу дар гирди ӯ он.

www.sattor.com

Яке ҷашн кард он шабу бода х(в)ард,
Сада номи он ҷашни фархунда кард.[1]

Зи Ҳушанг монд ин Сада[2] ёдгор,
Басе бод чун ӯ дигар[3] шаҳрёр,

К-аз[4] обод кардан ҷаҳон шод кард,
Ҷаҳоне ба некӣ аз ӯ ёд кард.

Бад-он эзадӣ фарру ҷоҳи каён
Зи нахчиру гӯру гавазни жаён

Ҷудо кард[5] гову хару гӯспанд,
Ба варз[6] оварид, он чи буд судманд.

Ҷаҳондор Ҳушанги боҳуш гуфт:
Бидоред шонро ҷудо ҷуфт-ҷуфт.[7]

Бад-эшон биварзеду з-эшон[8] х(в)аред,
Ҳаме боҷро хештан парваред:

Зи пӯяндагон ҳар кӣ[9] мӯяш накӯст,
Бикушту зи[10] эшон бароҳехт пӯст.

Чу санҷобу қоқум, чу рӯбоҳ гарм,
Чаҳорум самур аст, к-аш мӯй нарм.

Бад-ин гуна аз чарми пӯяндагон
Бипӯшид болои гӯяндагон.

Бубахшиду густарду хӯрду супурд,
Бирафту ҷуз аз номи неке набурд.

1. И – б. 29-32 нест.
2. И – инчунин.
3. Л – Паси ӯ чунон кард ҳар.
4. Л – Аз.
5. И – Ҷудогона.
6. Л – Бурун.
7. Л – б. 37 нест.
8. Л – ҳам-шон
9. И – ҳарчӣ.
10. И – в-аз

www.sattor.com

Басе ранҷ бурд андар он рӯзгор
Ба афсуну андешаи бешумор.[1]

Чу пеш омадаш рӯзгори беҳӣ,
Аз ӯ мурдарӣ монд тахти меҳӣ.

Замона надодаш замоне диранг,
Шуд он шоҳ Ҳушанги боҳушу[2] санг.

На пайваст хоҳад ҷаҳон бо ту меҳр,
На низ ошкоро намояд-т чеҳр.

ТАҲМУРАС

Подшоҳии Таҳмураси девбанд сӣ сол буд

Писар буд мар ӯро яке ҳушманд,
Гаронмоя Таҳмураси девбанд.

Биёмад, ба тахти падар барнишаст,
Ба шоҳӣ камар бар миён - бар бубаст.[3]

Ҳама мӯбадонро зи лашкар бихонд,
Ба чарбӣ чӣ моя суханҳо биронд.

Чунин гуфт, к-«Имрӯз ин тахту гоҳ
Маро зебаду тоҷу гурзу[4] кулоҳ.

Ҷаҳон аз бадиҳо бишӯям ба рой,
Пас он гаҳ кунам дар кеҳӣ*[5] гирд пой.

Зи ҳар ҷой кӯтаҳ кунам дасти дев,
Ки ман буд хоҳам ҷаҳонро хидев.

Ҳар он чиз, к-андар ҷаҳон судманд,
Кунам ошкоро, кушоям зи банд».

---

1. ТПЗ – Чиҳил сол бо шодкомиву ноз
Ба доду диҳиш буд он сарфароз.
2. Л – хуши Ҳушанги бофарру.
3. Л – Камар бар миён расми ӯро бубаст.
4. Л – хусравонӣ.
5. М – зи гетӣ кунам

www.sattor.com

Пас аз пушти мешу бара пашму мӯй
Буриду ба риштан ниҳоданд рӯй.

Ба кӯшиш аз он кард пӯшиш ба ҷой,
Ба густарданӣ ҳам буд ӯ раҳнамой.

Зи пӯяндагон ҳар кӣ буд тезрав,[1]
Хуриш кардашон[2] сабзаву коҳу ҷав.

Раманда дадонро ҳама бингарид,
Сияҳгӯшу юз аз миён баргузид.

Ба чора биёвардаш аз дашту кӯҳ,
Ба банд омаданд, он ки буд з-он гурӯҳ.

Зи мурғон ҳамон он ки буд нексоз,
Чу бозу чу шоҳини гарданфароз,[3]

Биёварду омӯхтаншон гирифт,
Ҷаҳоне бад-ӯ монд андар шигифт.[4]

Бифармудашон, то навозанд гарм,
Нахонандашон ҷуз ба овози нарм,

Чу ин карда шуд, мокиёну хурӯс
Куҷо бархурӯшад гаҳи захми кӯс,

Биёварду яксар чунон чун сазид,[5]
Нуҳуфта ҳама[6] судмандӣ гузид.

Чунин гуфт, к-«Инро ниёиш кунед,
Ҷаҳонофаринро ситоиш кунед.

Ки ӯ додамон бар дадон дастгоҳ,
Ситоиш[7] мар ӯро, ки бинмуд роҳ».

1. И – некрав.
2. Л – додашон
3. Л – б. 12-13 нест.
4. И – б. 13, 14 нест.
5. ИЛ – ба мардум кашид.
6. ИЛ – ҳаме.
7. Л – Ниёиш.

www.sattor.com

Мар ӯро яке пок дастур буд,
Ки рояш зи кирдори бад дур буд.

Ханида ба ҳар ҷою Шедасп[1] ном,
Назад ҷуз ба некӣ ба ҳар ҷой гом.

Ҳама рӯз баста зи хӯрдан ду лаб,
Ба пеши ҷаҳондор барпой шаб.

Ҳамон бар дили ҳар касе буда дӯст,
Намози шабу рӯза оини ӯст.

Сари моя буд ахтари шоҳро
В-аз ӯ банд буд[2] ҷони бадхоҳро.

Ҳама роҳи некӣ намудӣ ба шоҳ,
Ҳам аз[3] ростӣ хостӣ пойгоҳ,

Чунон шоҳ полуда гашт аз бадӣ,
Ки тобид з-ӯ фарраи эзадӣ[4].

Бирафт, Аҳриманро ба афсун бибаст,
Чу бар тезрав борагӣ барнишаст.

Замон то замон зин-ш барсохтӣ,
Ҳаме гирди гетиш бартохтӣ.[5]

Чу девон бididанд кирдори ӯ,
Кашиданд гардан зи гуфтори ӯ.

Шуданд анҷуман деви бисёрмар,
Ки пардахта монад аз ӯ тоҷи зар.[6]

1. ИЛ – Гузида ба ҳар ҷою шӯҳраст.
2. Л – Даридан бад-ӯ; И – Дарида буд ӯ.
3. Л - Ҳама
4. ТПЗ ИЛ – Чу дастур бошад чунин кордон,
Ту шаҳро* ҳунар низ бисёр дон.
* Л – навишта.
5. И – Замон то замонеш бод омадӣ
Ҳама гирди гетиш дод омадӣ.
6. Л – пардохт монад аз ӯ ҷою фар.

www.sattor.com

Чу Таҳмурас огаҳ шуд аз корашон,
Барошуфту бишкаст бозорашон.

Ба фарри ҷаҳондор басташ[1] миён,
Ба гардан баровард гурзи гарон.

Ҳама наррадевону афсунгарон,
Бирафтанд ҷодусипоҳе[2] гарон.

Даманда сияҳдевашон пешрав,
Ҳаме б-осмон баркашиданд ғав.

Ҳаво тирафому замин тира гашт,
Ду дида дар ӯ[3] - андарун хира гашт.[4]

Ҷаҳондор Таҳмураси б-офарин
Биёмад камарбастаи разму кин.

Зи як сӯ ғави оташу дуди дев,
Зи як сӯ далерони кайҳонхидев.

Якояк биёрост[5] бо дев ҷанг,
Набуд ҷангашонро фаровон диранг.

Аз эшон ду баҳра ба афсун бубаст,
Дигаршон ба гурзи гарон кард паст.

Кашидандашон хаставу баста хор,
Ба ҷон хостанд он замон зинҳор,

Ки «Моро макуш, то яке нав ҳунар
Биёмӯзӣ аз мо, к-ат ояд ба бар.»[6]

Каи номвар додашон зинҳор,
Бад-он то ниҳонӣ кунанд ошкор.

1. И – баста.
2. Л – ҷодусипоҳи.
3. И – ба гирд.
4. Л – б. 35 нест.
5. И – баророст.
6. ИЛ – б. 41 нест.

www.sattor.com

Чу озодашон шуд[1] сар аз банди ӯй,
Бичустанд ночор пайванди ӯй.

Набиштан[2] ба хусрав биёмӯханд,
Дилашро ба дониш барафрӯханд.

Набиштан яке на, ки наздики сӣ,
Чи румӣ, чи тозиву чи порсӣ,

Чи суғдӣ, чи чиниву чи паҳлавӣ,
Нигоридани он кучо бишнавӣ.

Ҷаҳондор сӣ сол аз ин бештар
Чӣ гуна падид оваридӣ ҳунар.

Бирафту сар омад бар ӯ[3] рӯзгор,
Ҳама ранчи ӯ монд аз ӯ ёдгор.

Ҷаҳоно, мапарвар, чу хоҳӣ дуруд,
Чу мебидравӣ, парваридан чӣ суд?

Барорӣ якеро ба чархи баланд,
Супорӣ-ш ногаҳ ба хоки нажанд.[4]

ҶАМШЕД

Подшоҳии Ҷамшед ҳафтсад сол буд

Гаронмоя Ҷамшед фарзанди ӯй,[5]
Камар баставу[6] дил пур аз панди ӯй.[7]

Баромад бар он тахти фаррух падар,
Ба расми каён бар сараш тоҷи зар.

1. И – озод шудшон.
2. Л – Навиштан.
3. Л – аз он.
4. Л – б. 50 нест.
5. Л – ӯ.
6. Л – баста як.
7. ТПЗ – Чу рафт аз миён номвар шаҳрёр,
Писар шуд ба ҷои падар номдор.

www.sattor.com

Камар баст бо фарри шоҳаншаҳӣ,
Ҷаҳон сар ба сар гашт[1] ӯро раҳӣ.

Замона баросуда аз доварӣ,
Ба фармони ӯ деву мурғу парӣ.

Ҷаҳонро фузуда бад-ӯ обрӯй,
Фурӯзон шуда тахти шоҳӣ бад-ӯй.

Манам гуфт бо фарраи эзадӣ,
Ҳамам шаҳрёриву ҳам мӯбадӣ.

Бадонро зи бад даст кӯтаҳ кунам,
Равонро сӯи равшанӣ раҳ кунам.

Нахуст олати ҷангро даст бурд,
Дари ном ҷустан ба гурдон супурд.

Ба фарри каӣ нарм кард оҳано,
Чу хӯду зиреҳ карду чун ҷавшано.

Чу хафтону чун диръу баргустувон,
Ҳама кард пайдо ба равшан равон.

Бад-ин андар он сол панҷоҳ ранҷ
Бибурду аз ин чанд бинҳод ганҷ.

Дигар панҷаҳ андешаи ҷома кард,
Ки пӯшанд ҳангоми базму[2] набард.

Зи каттону абрешиму мӯю қаз
Қасаб кард пурмоя дебову хаз.

Биёмухташон риштану тофтан,
Ба тор - андарун пудро бофтан.

Чу шуд бофта, шустану дӯхтан
Гирифтанд аз ӯ яксар омӯхтан.

1. Л – гашт сар то сар.
2. ИЛ – нангу.

www.sattor.com

Чу ин карда шуд, сози дигар ниҳод,
Замона бад-ӯ шоду ӯ низ шод.

Зи ҳар пешавар анҷуман гирд кард,
Бад-ин андарун низ[1] панҷоҳ х(в)ард.

Гурӯҳе ки котузиён хонияш,
Ба расми парастандагон донияш.

Ҷудо кардашон аз миёни гурӯҳ,
Парастандаро ҷойгаҳ кард[2] кӯҳ.

Бад-он, то парастиш бувад корашон,
Навон[3] пеши равшан ҷаҳондорашон.

Сафе бар дигар даст биншонданд,
Ҳаме ном найсориён хонданд.

Куҷо шермардони ҷанговаранд,
Фурӯзандаи лашкару кишваранд.

К-аз эшон бувад[4] тахти шоҳӣ ба ҷой,[5]
В-аз эшон бувад[6] номи мардӣ бапой.[7]

Насудӣ, се дигар гуруҳро шинос,
Куҷо нест бар кас аз эшон сипос.[8]

Бикоранду варзанду худ бидраванд,
Ба гоҳи хуриш сарзаниш нашнаванд.

Зи фармон сар озодаву жандапӯш,
Зи овози беғора осуда гӯш.

1. Л – Бад-ӯ андарун сол.
2. Л – сохт.
3. И – Тавон.
4. И – шуда.
5. И – пой.
6. И – будӣ.
7. И – ҷой.
8. Л – б. 23, 24 нест.

www.sattor.com

Тан озоду обод гетӣ бар ӯй,
Баросуда аз довару гуфтугӯй.

Чӣ гуфт он сухангӯи озодмард,
Ки озодаро коҳилӣ банда кард.

Чаҳорум, ки хонанд аҳтухашӣ,
Ҳамон дастварзони[1] бо саркашӣ.

Кучо корашон ҳамгинон пеша буд,
Равоншон ҳамеша пурандеша буд.

Бад-ин андарун сол панҷоҳ низ
Бихӯрду бубахшид бисёр чиз.

Аз ин ҳар якеро яке пойгоҳ
Сазовор бугзиду бинмуд роҳ,

Ки то ҳар кас андозаи хешро
Бибинад, бидонад каму бешро.[2]

Бифармуд девони[3] нопокро
Ба об андаромехтан хокро.

Ҳар он-ч аз гил омад, чу бишнохтанд,
Сабук хиштро колбад сохтанд.

Ба сангу ба[4] гаҷ дев девор кард,
Нахуст аз бараш[5] ҳандасӣ кор кард.

Чу гармобаву[6] кохҳои баланд,
Чу айвон, ки бошад паноҳ аз газанд.

1. Л – дасткорон.
2. И – пас аз б. 33 ин б. омада:
   Аз он пас, ки инҳо шуд ороста,
   Шаҳаншоҳи бодонишу хоста.
3. И – пас деви.
4. И – Зи сангу зи гаҷ.
5. И – андараш.
6. И – гармобаи; Ж - гармобаву

www.sattor.com

Зи хоро гуҳар[1] ҷуст як рӯзгор,
Ҳаме кард з-ӯ[2] равшанӣ хостор.

Ба чанг[3] омадаш чанд гуна гуҳар
Чу ёқуту беҷодаву симу зар.

Зи хоро ба афсун бурун[4] оварид,
Шуд он бандҳоро саросар[5] калид.

Дигар бӯйҳоро[6] хуш овард боз,
Ки доранд мардум ба рӯяш ниёз.[7]

Чу бону[8] чу кофуру чун мушки ноб,
Чу уду чу анбар, чу равшангулоб.

Пизишкиву дармони ҳар дардманд,
Дари тандурустиву роҳи газанд.

Ҳамон[9] розҳо кард низ ошкор,
Ҷаҳонро наёмад чун ӯ хостор.

Гузар кард з-он пас ба киштӣ бар об,
Зи кишвар ба кишвар баромад шитоб.

Чунин сол панҷаҳ биварзид низ,
Надид аз ҳунар бар хирад баста чиз.

Ҳамон карданиҳо чу омад падид,
Ба гетӣ ҷуз аз хештан кас надид.

Чу он корҳои вай омад ба ҷой,
Зи ҷои меҳин бартар овард пой.[10]

1. И – ҳунар.
2. И – аз.
3. И – Ба даст.
4. Л – падид.
5. И – Шуд ороста бандҳоро.
6. И – бӯйҳои.
7. Л – б. 41 нест.
8. И – Чу пону.
9. ИЛ – Ҳамин.
10. И – б. 46-48 нест.

www.sattor.com

Ба фарри каёнӣ яке тахт сохт,
Чӣ моя бад-ӯ[1] гавҳар андарнишохт.

Ки чун хостӣ, дев бардоштӣ,
Зи ҳомун ба гардун барафроштӣ.

Чу хуршеди тобон миёни ҳаво
Нишаста бар ӯ шоҳи фармонраво.

Ҷаҳон анҷуман шуд бари[2] тахти ӯй,[3]
Фурӯ монда аз фарраи[4] бахти ӯй.[5]

Ба Ҷамшед-бар гавҳар афшонданд,
Мар он рӯзро рӯзи нав хонданд.

Сари соли нав Ҳурмузи фарвадин
Баросуда[6] аз ранҷ тан, дил зи кин.[7]

Бузургон ба шодӣ биёростанд,
Маю ҷому[8] ромишгарон хостанд.

Чунин рӯзи[9] фаррух аз он рӯзгор
Бимонда аз он хусравон ёдгор.[10]

Чунин сол сесад ҳамерафт кор,
Надиданд марг андар он рӯзгор.[11]

---

1. И – дар ӯ.
2. Л – бад-он.
3. Л – ӯ.
4. ИЛ – Шигифтӣ фурӯ монда аз.
5. Л – ӯ.
6. Л – Баросудаш.
7. И – Баросуда он шаҳрёри гузин;
   ТПЗ – Ба Наврӯзи нав шоҳи гетифурӯз
   Бар он тахт биншаст фирӯзрӯз.
8. Л – руду.
9. И – ҷашни; Л – гашни.
10. И – Ҳамон монд аз он хусравон ёдгор.
11. ТПЗИ – Наёраст кас кард бекорие,
    Набуд дардмандиву беморие.

www.sattor.com

Зи ранҷу зи бадшон набуд огаҳӣ,
Миён баста девон ба сони раҳӣ.[1]

Ба фармон-ш мардум ниҳода ду гӯш,
Зи ромиш ҷаҳон буд пуровози нӯш.

Чунин то баромад бар ин солиён,
Ҳаметофт аз шоҳ фарри каён.

Ҷаҳон буд ба ором, аз ӯ шодком,
Зи Яздон бад-ӯ нав ба нав буд паём.[2]

Чу чанде баромад бар ин рӯзгор,
Надиданд ҷуз хубӣ аз[3] шаҳрёр.

Ҷаҳон сар ба сар гашта ӯро раҳӣ,
Нишаста ҷаҳондор бо фарраҳӣ.

Якояк ба тахти меҳӣ бингарид,
Ба гетӣ ҷуз аз хештан кас[4] надид.

Манӣ кард он шоҳи яздоншинос,
Зи Яздон бупечиду шуд носипос.

Гаронмоягонро зи лашкар бихонд,
Чӣ моя сухан пеши эшон биронд.

Чунин гуфт бо солхӯрда меҳон,
Ки «Ҷуз хештанро надонам ҷаҳон.

Ҳунар дар ҷаҳон аз ман омад падид,
Чу ман номвар тахти шоҳӣ надид.

---

1. ТП – Яке тахти пурмоя карда ба пой,
Бар ӯ барнишаста ҷаҳонкадхудой.
Нишаста бар он тахт Ҷамшеди кай,
Ба чанг - андарун хусравӣ ҷоми май.
Мар он тахтро дев бардошта,
Зи ҳомун ба абр - андар афрошта,
Бар афроз тахти сипаҳбад зада,
Саросар зи мурғон ҳама саф зада.
2. Л – б. 61 нест.
3. Л – Фурӯзанда шуд давлати.
4. ИЛ – хештанро.

www.sattor.com

Ҷаҳонро ба хубӣ ман оростам,
Чунон гашт гетӣ, ки ман хостам.[1]

Хуру хобу ороматон аз ман аст,
Ҳамон пӯшишу коматон аз ман аст.

Бузургиву дайҳиму шоҳӣ марост,
Кӣ гӯяд, ки ҷуз ман касе[2] подшост?!

Ба доруву дармон ҷаҳон гашт рост,
Ки бемориву марг касро накост.

Ҷуз аз ман кӣ бардошт марг аз касе,
В-агар бар замин шоҳ бошад басе?[3]

Шуморо зи ман ҳушу ҷон дар тан аст,
Ба ман награвад[4] ҳар кӣ, Оҳарман аст.

Гар эдун, ки донед, ман кардам ин,
Маро хонд бояд ҷаҳонофарин.»[5]

Ҳама мӯбадон сар фиканда нагун,
Чаро, кас наёраст гуфтан, на чун.

Чу ин гуфта шуд, фарри Яздон аз ӯй
Гусисту[6] ҷаҳон шуд пур аз гуфтугӯй.

Ҳар он кас зи даргоҳ баргошт рӯй,
Намондӣ ба пешаш яке номҷӯй.[7]

Севу бист сол аз дари боргоҳ
Пароканда гаштанд яксар сипоҳ.

1. Л – Зи рӯи замин ҷавр ман костам.
2. Л – яке.
3. И – б. 72, 73 нест.
4. И – биграввад.
5. И – б. 75 нест; Л – б. 72-75 нест.
6. ИЛ – Бигашту.
7. ИЛ – б. 78 нест.

www.sattor.com

Манӣ чун бипайваст бо кирдгор,[1]
Шикаст андароварду баргашт кор.

Чӣ гуфт он сухангӯи бофарру ҳуш,
Чу хусрав шавӣ, бандагиро бикӯш!

Ба Яздон ҳар он кас, ки шуд носипос,
Ба дил-ш - андар ояд зи ҳар сӯ ҳарос.

Ба Ҷамшед-бар тирагун гашт рӯз,
Ҳаме кост з-ӯ[2] фарри[3] гетифурӯз.[4]

Ҳаме ронд аз дида хун дар канор,
Ҳаме кард пӯзиш бари кирдгор.[5]

Ҳаме кост з-ӯ фарраи эзадӣ,
Бар оварда бар вай шукӯҳи бадӣ.

ДОСТОНИ ЗАҲҲОК БО ПАДАРАШ

Яке мард буд андар он рӯзгор
Зи дашти саворони найзагузор.

Гаронмоя ҳам шоҳу ҳам некмард,
Зи тарси ҷаҳондор бо боди сард.

Ки Мардос номи гаронмоя буд,
Ба доду диҳиш бартарин поя буд.

Мар ӯро зи дӯшиданӣ чорпой
Зи ҳар як ҳазор омадандӣ ба ҷой.

---

1. ИЛ – Ҳунар худ бипайваст бо кирдгор.
2. Л – он.
3. И – Ҳаме гашт аз ӯ меҳри.
4. ТПЗ – Аз ӯ пок Яздон чу шуд хашмнок,
   Бидонисту шуд шоҳ бо тарсу бок.
   Ки озурда шуд пок Яздон аз ӯй,
   Надида бад-он дард дармон аз ӯй.
5. И – б. 84 нест;
   Л – Сар омад мар ӯрову андаргузашт,
   Чунон дон, ки гетӣ чу боде ба дашт.

www.sattor.com

Бузу уштуру мешро ҳамчунин
Ба дӯшандагон дода буд покдин.

Ҳамон гови дӯшо ба фармонбарӣ,
Ҳамон тозиаспи рамандафарӣ,[1]

Ба шир он касеро, ки будӣ ниёз,
Бад-он хоста даст бурдӣ фароз.

Писар буд мар он покдинро яке,
К-аш аз меҳр баҳра набуд андаке.

Ҷаҳонҷӯйро ном Заҳҳок буд,
Далеру сабуксору нопок[2] буд.

Ҳамон[3] Бевараспаш ҳаме хонданд,
Чунин ном бар паҳлавӣ ронданд.

Куҷо бевар аз паҳлавонӣ шумор,
Бувад дар забони дарӣ даҳ ҳазор.[4]

Аз аспони тозӣ ба зарринситом
Варо буд бевар, ки бурданд ном.

Шабу рӯз будӣ ду баҳра ба зин
Зи роҳи бузургӣ, на аз роҳи кин.

Чунон буд, ки Иблис рӯзе пагоҳ
Биёмад ба сони яке некхоҳ.

Дили меҳтар аз роҳи некӣ бибурд,
Ҷавон гӯш гуфтори ӯро супурд.

Ҳамоно хуш омад-ш гуфтори ӯй,
Набуд огаҳ аз зишт кирдори ӯй.

1. И – Ҳамон говдӯшон ба фармонбарӣ,
Ҳамон тозиаспони ҳамчун парӣ.
2. И – бебок.
3. Л – Ҳаме.
4. И – б. 96 нест.

www.sattor.com

Бад-ӯ дод ҳушу дилу ҷони пок,
Пароканд[1] бар тораки хеш хок.

Чу иблис донист, к-ӯ дил бидод
Бар афсонааш, гашт наҳмор шод.

Фаровон сухан гуфт зебову нағз,
Ҷавонро зи дониш тиҳӣ буд[2] мағз.

Ҳаме гуфт: «Дорам суханҳо басе,
Ки онро ҷуз аз ман надонад касе.»

Ҷавон гуфт: «Баргӯю чандин мапой,
Биёмӯз моро ту, эй некрой».

Бад-ӯ гуфт: «Паймон-т хоҳам нахуст,
Пас он гаҳ сухан баркушоям дуруст».

Ҷавон некдил буд, паймон-ш кард,[3]
Чунон к-ӯ[4] бифармуд, савганд х(в)ард,[5]

Ки «Рози ту бо кас нагӯям зи бун,
Зи ту бишнавам, ҳарчӣ гӯӣ сухун».

Бад-ӯ гуфт: «Ҷуз ту касе дар сарой
Чаро бояд, эй номвар, кадхудой?

Чӣ бояд падар, чун писар чун ту буд,
Яке пандат аз ман бибояд шунуд.

Замона бад-ин хоҷаи солх(в)ард
Ҳаме дер монад, ту андарнавард!

Бигир ин сари моя даргоҳи ӯй,
Туро зебад андар ҷаҳон ҷоҳи ӯй.

---

1. Л – Пароканда.
*1 М – Куҷо.
2. ИЛ – тиҳӣ буд аз ақл.
3. И – савганд хвард;
 1 – содадил буду фармон-ш бурд.
4. Л – Чун.
5. И – чун бифармуд, фармон-ш кард.

www.sattor.com

Бар ин гуфтаи ман чу дорӣ вафо,
Ҷаҳонро ту бошӣ яке подшо».

Чу Заҳҳок бишнид, андеша кард,
Зи хуни падар шуд дилаш пур зи дард.

Ба иблис гуфт: «Ин сазовор нест,
Дигар гӯй, к-ин аз дари кор нест».

Бад-ӯ гуфт: «Гар[1] бугзарӣ з-ин сухан,
Битобӣ зи паймону савганди ман,

Бимонад ба гардан-т савганду банд,
Шавӣ хору монад падар-т[2] арҷманд».

Сари марди тозӣ ба дом оварид,
Чунон шуд, ки фармони ӯ баргузид.

Бипурсид, к-«Ин чора бо ман бигӯй,
Набартобам аз роҳи ту ҳеч рӯй».

Бад-ӯ гуфт:[3] Ман чора созам туро,
Ба хуршед сар барфарозам туро.

Ту дар кор хомӯш мебошу бас,
Набояд маро ёрӣ аз ҳеч кас.

Чунон чун бибояд, бисозам тамом,
Ту теғи сухан бармакаш аз наём!

Мар он подшоро дар андар сарой
Яке бӯстон буд бас дилкушой.

Гаронмоя шабгир бархостӣ,
Зи баҳри парастиш[4] биёростӣ.

Сару тан бишустӣ нуҳуфта ба боғ,
Парастанда бо ӯ набурдӣ чароғ.

1. ИЛ – агар.
2. Л – хормоя, падар.
3. Л – Бигуфташ, ки
4. - ниёиш.

www.sattor.com

Бар он рои вожуна деви нажанд[1]
Яке жарфчоҳе ба раҳ-бар биканд.

Пас иблиси вожуна ин жарфчоҳ
Ба хошок пӯшиду биспард роҳ.

Шаб омад, сӯи боғ бинҳод рӯй
Сари тозиён меҳтари номҷӯй.

Чу омад ба наздики он жарфчоҳ,
Якояк нагун шуд сари бахти шоҳ.

Ба чоҳ - андар афтоду бишкаст паст,[2]
Шуд он некдил марди яздонпараст.

Ба ҳар неку бад шоҳи озодмард,
Ба фарзанд-бар нозада боди сард,

Ҳаме парваридаш ба нозу ба ранҷ,
Бад-ӯ буд шоду бад-ӯ дод ганҷ.

Чунон бадкуниш[3] шӯхфарзанди ӯй[4]
Наҷуст аз раҳи шарм пайванди ӯй.[5]

Ба хуни падар гашт ҳамдостон,
Зи доно шунидастам ин достон,

Ки «Фарзанди бад гар бувад наррашер,
Ба хуни падар ҳам набошад далер.

Агар дар ниҳонӣ сухан дигар аст,
Пижӯҳандаро роз бо модар аст.»[6]

Фурӯмоя Заҳҳоки бедодгар
Бад-ин чора бигрифт гоҳи падар.

---

1. И – Баровард иблиси нозуна банд.
2. И – б. 130, 131 нест.
3. Л – буд, ки он.
4. Л – ӯ.
5. Л – ӯ.
6. ТПЗ - Писар, к-ӯ раҳо кард расми падар,
   Ту бегона донаш, махонаш писар.

www.sattor.com

Ба сар барниҳод афсари тозиён,
Бар эшон бубахшуд суду зиён.

Чу иблис пайваста дид он сухун,
Яке банди дигар[1] нав афканд бун.

Бад-ӯ гуфт: «Чун сӯи ман тофтӣ,
Зи гетӣ ҳама коми дил ёфтӣ.

Агар ҳамчунин низ паймон[2] кунӣ,
Напечӣ зи гуфтору фармон[3] кунӣ,

Ҷаҳон сар ба сар подшоҳӣ туровост,
Даду дом бо[4] мурғу моҳӣ турост».

Чу ин гуфта[5] шуд, сози[6] дигар гирифт,
Дигаргуна чора гирифт, эй шигифт.[7]

ХОЛИГАРӢ КАРДАНИ ИБЛИС

Ҷавоне баророст аз хештан,
Сухангӯю бинодилу поктан.

Ҳам эдун ба Заҳҳок бинҳод[8] рӯй,
Набудаш ҷуз аз офарин гуфтугӯй.

Бад-ӯ гуфт: «Гар шоҳро дарх(в)арам,
Яке номвар пок[9] холигарам».

Чу бишнид Заҳҳок, бинвохташ,
Зи баҳри хуриш ҷойгаҳ сохташ.

Калиди хуришхонаи подшо
Бад-ӯ дод дастури фармонраво.

1. И – панди навро; Л – панди бадро.
2. И – фармон.
3. И – сар аз роҳу паймон.
4. Л – мардуму; И – ҳам.
5. ИЛ – карда.
6. И – рози.
7. ИЛ – Яке чора кард аз шигифтӣ шигифт.
8. И – рози.
9. ИЛ – марди.

www.sattor.com

Фаровон набуд он замон парвариш,
Ки камтар буд аз куштаниҳо х(в)ариш.

Ҷуз аз рустаниҳо нахӯрданд чиз,
Зи ҳарч-аз замин сар баровард низ.

Пас Оҳармани бадкуниш рой кард,
Ба дил куштани ҷонвар ҷой кард.[1]

Зи ҳар гуна[2] аз мурғу аз чорпой
Хуриш карда овард як-як ба ҷой.

Ба хунаш бипарвард бар сони шер,
Бад-он то кунад подшоро далер.

Сухан ҳарчӣ гӯяд-ш, фармон кунад,
Ба фармони ӯ дил гаравгон кунад.

Хуриш зардаи хоя додаш нахуст,
Бад-он дошташ чанд гаҳ[3] тандуруст.

Бихӯрду бар ӯ офарин кард сахт,
Маза ёфт з-он хӯрданаш некбахт.

Чунин гуфт иблиси найрангсоз,
Ки «Ҷовид зӣ, шоҳи[4] гарданфароз.

Чу фардот аз он гуна созам х(в)ариш,
К-аз ӯ бошадат сар ба сар парвариш.»

Бирафту ҳама шаб сиголиш гирифт,
Ки фардо чӣ созад зи хӯрдан шигифт.

Дигар рӯз чун гунбади лоҷвард
Бароварду бинмуд ёқути зард,

Хуришҳо зи кабку тазарви сафед
Бисозиду омад дили пурумед.

1. Л – 151, 152 нест.
2. ИЛ – ҳар гӯшт.
3. ИЛ – як замон.
4. ИЛ – бодиву.

www.sattor.com

Шаҳи[1] тозиён чун ба хон даст бурд,
Сари камхирад меҳр ӯро супурд.

Севум рӯз хонро ба мурғу бара
Биёросташ гунагун яксара.

Ба рӯзи чаҳорум чу бинҳод хон,
Хуриш сохт аз пушти гови ҷавон.

Бад-ӯ - андарун заъфарону гулоб,
Ҳамон солхӯрда маю мушки ноб.

Чу Заҳҳок даст андароварду х(в)ард,
Шигифт омадаш з-он ҳушивор мард.

Бад-ӯ гуфт: «Бингар, ки то орзуй
Чӣ хоҳӣ, бихоҳ аз ман, эй некхӯй»!

Хуришгар бад-ӯ гуфт, к-«Эй подшо,
Ҳамеша бизӣ шоду фармонраво!

Маро дил саросар пур аз меҳри туст,
Ҳама тӯшаи ҷонам аз чеҳри туст.

Яке ҳоҷат астам зи наздики шоҳ,[2]
В-агарчи маро нест ин пойгоҳ,

Ки фармон диҳад шоҳ, то кифти ӯй
Бибӯсам, бимолам бар ӯ[3] чашму рӯй».

Чу Заҳҳок бишнид гуфтори ӯй,
Ниҳонӣ надонист бозори ӯй.

Бад-ӯ гуфт: «Додам ман ин коми ту,
Баландӣ бигирад[4] магар номи ту».

Бифармуд, то дев чун ҷуфти ӯ
Ҳаме бӯсае дод бар[5] кифти ӯ».

1. Л – Сари.
2. ИЛ – ба пирӯзшоҳ.
3. Л – бад-ӯ барниҳам.
4. И – кунад з-ин.
5. И – бӯса дод аз бари; Л – абар.

www.sattor.com

Чу бӯсиду[1] шуд дар замин[2] нопадид,
Кас андар ҷаҳон ин шигифтӣ надид.

Ду мори сияҳ аз ду китфаш бируст,
Ғамӣ гашту аз ҳар сӯе чора ҷуст.

Саранҷом бибрид ҳарду зи кифт,
Сазад, гар бимонӣ аз ин[3] дар шигифт.

Чу шохи дарахт он ду мори сиёҳ
Баромад дигарбора аз кифти шоҳ.

Пизишкони фарзона гирд омаданд,
Ҳама як ба як достонҳо заданд.

Зи ҳар гуна найрангҳо сохтанд,
Мар он дардро чора нашнохтанд.

Ба сони пизишке пас иблис тафт
Ба фарзонагӣ назди Заҳҳок рафт.

Бад-ӯ гуфт, к-«Ин буданӣ кор буд,
Бимон, то чӣ монад, набояд дуруд.

Хуриш созу оромашон деҳ ба х(в)ард,
Нашояд[4] ҷуз ин чорае низ кард.[5]

Ба ҷуз мағзи мардум мадеҳшон х(в)ариш,
Магар худ бимиранд аз ин парвариш.[6]

Нигар наррадев андар[7] ин ҷустуҷӯ
Чӣ ҷусту чӣ дид андар ин гуфтугӯ.

---

1. И – Бибӯсиду; Л – бӯсида.
2. Л – замон.
3. ИЛ – бад-ин.
4. Л – Набояд; И – Наёяд.
5. Л – коркард.
6. ТПЗ – Давои ту ҷуз мағзи одам чу нест,
   Бар ин дарду дармон бибояд гирист.
   Ба рӯзе ду кас боядат кушт зуд,
   Пас аз мағзи саршон бибояд дуруд.
7. И – Сари наррадевон аз.

www.sattor.com

Магар то яке чора созад ниҳон,
Ки пардахта монад[1] зи мардум ҷаҳон.

ТАБОҲ ШУДАНИ РӮЗГОРИ ҶАМШЕД

Аз он пас баромад аз Эрон хурӯш,
Падид омад аз ҳар сӯе ҷангу ҷӯш.

Сияҳ гашт рахшанда рӯзи сапед,
Гусистанд пайванд аз Ҷаммшед,

Бар ӯ тира шуд фарраи эзадӣ,
Ба кажжӣ гироиду нобихрадӣ.

Падид омад аз ҳар сӯе хусраве,
Яке номдоре зи[2] ҳар паҳлаве.

Сипаҳ кардаву ҷангро сохта,
Дил аз меҳри Ҷамшед пардохта.

Якояк аз Эрон баромад сипоҳ,
Сӯи тозиён баргирифтанд роҳ.

Шунуданд, к-он ҷо яке меҳтар аст,
Пур аз ҳавл шоҳ, аждаҳопайкар аст.

Саворони Эрон ҳама шоҳҷӯй,
Ниҳоданд яксар ба Заҳҳок рӯй.

Ба шоҳӣ бар ӯ офарин хонданд,
Варо шоҳи Эронзамин хонданд.

Каи[3] аждаҳофаш биёмад чу бод,
Ба Эронзамин тоҷ бар сар ниҳод.

Аз Эрону аз тозиён лашкаре
Гузин кард гурдони ҳар кишваре,

Сӯи тахти Ҷамшед бинҳод рӯй,
Чу ангуштарӣ кард гетӣ бар ӯй.

1. И – гардад.
2. Л – номҷӯеву.
3. ИЛ – яке.

www.sattor.com

Чу Ҷамшедро бахт шуд кундрав,
Ба танг оваридаш ҷаҳондори нав.

Бирафту бад-ӯ дод тахту кулоҳ,
Бузургиву дайҳиму ганҷу сипоҳ.

Ниҳон гашту гетӣ бар ӯ шуд сиёҳ,
Супурда ба Заҳҳок тахту кулоҳ.

Чу сад солаш андар ҷаҳон кас надид,
Зи чашми ҳама мардумон нопадид.

Садум сол рӯзе ба дарёи Чин
Падид омад он шоҳи нопокдин.[1]

Чу Заҳҳокаш овард ногаҳ ба чанг,
Якояк надодаш замоне диранг.

Ба арра мар ӯро[2] ба ду ним кард,
Ҷаҳонро аз ӯ поку бебим[3] кард.

Ниҳон буд чанд аз дами аждаҳо,
Ба фарҷом ҳам з-ӯ наёмад раҳо.

Шуд он тахти шоҳиву он дастгоҳ,
Замона рабудаш чу беҷода коҳ.[4]

Аз ӯ беш[5] бар тахти шоҳӣ кӣ буд,[6]
Аз он[7] ранҷ бурдан чӣ омад-ш суд?

Гузашта бар ӯ солиён ҳафтсад,
Падид оваридаш басе[8] неку бад.

Чӣ бояд ҳаме зиндагонӣ дароз,
Ки гетӣ нахоҳад кушодан-т роз?

---

1. И – покизадин.
2. ИЛ – саросар.
3. ИЛ – пок пурбим.
4. Л – Рабудаш замона ҳам аз тахту гоҳ.
5. И – пеш.
6. И – набуд.
7. И – Бар он.
8. ИЛ - ҳама

www.sattor.com

Ҳаме парваронад-т бо шаҳду[1] нӯш,
Ҷуз овози нармат наёяд[2] ба гӯш.

Якояк чу гӯӣ, ки густард меҳр,
Ки хоҳад намудан ба ман меҳр[3] чеҳр,

Ҳама[4] шод бошиву шодӣ[5] бад-ӯй,
Ҳама рози дил баркушодӣ бад-ӯй,[6]

Яке нағз бозӣ бурун оварад,
Ба дил-т андар аз дард хун оварад.[7]

Дилам сер шуд з-ин сарои сипанҷ,
Худоё, маро зуд бирҳон зи[8] ранҷ!

ЗАҲҲОК

Подшоҳии Заҳҳок ҳазор сол буд

Чу Заҳҳок бар тахт шуд шаҳрёр,
Бар ӯ солиён анҷуман шуд ҳазор.

Саросар замона бад-ӯ гашт боз,
Баромад бар ин рӯзгори дароз.

Ниҳон гашт оини фарзонагон,
Пароканда шуд номи девонагон.

Ҳунар хор шуд, ҷодуӣ арҷманд.
Ниҳон ростӣ, ошкоро газанд.

Шуда бар бадӣ дасти девон дароз,
Зи некӣ набудӣ сухан ҷуз ба роз.

---

1. И – Ҳаме парваронад ба шаҳду ба; Л – Ҳаме парваридат або нозу.
2. ИЛ – наёрад.
3. ИЛ – ба бад низ.
4. И – бад-ӯ.
5. И – нозӣ; Л – бодиву нозӣ.
6. И – баркушоӣ бар ӯй; Л – Бияфзоядат сарфарозӣ бад-ӯй.
7. ТПЗ – Чунин аст кайҳони нопойдор,
   Ту дар вай ба ҷуз тухми некӣ макор!
8. Л – Ки оғоз ганҷ асту фарҷом.

www.sattor.com

Ду покиза аз хонаи Ҷаммшед
Бурун овариданд ларзон чу бед,

Ки Ҷамшедро ҳарду хоҳар[1] буданд,
Сари бонувонро чу афсар буданд.

Зи пӯшидарӯён яке Шаҳрноз,
Дигар моҳрӯе,[2] ба ном Арнавоз.

Ба айвони Заҳҳок бурдандашон,
Бад-он аждаҳофаш супурдандашон.

Бипарвардашон аз раҳи бадхуӣ.[3]
Биёмухташон тунбалу ҷодуӣ.[4]

Надонист худ ҷуз бад омӯхтан,
Ҷуз аз куштану ғорату сӯхтан.

Чунон буд, ки ҳар шаб ду марди ҷавон,
Чи кеҳтар, чи аз тухмаи паҳлавон

Хуришгар бибурдӣ ба айвони шоҳ
В-аз ӯ сохтӣ роҳи дармони шоҳ.

Бикуштиву мағзаш бурун охтӣ,[5]
Мар он аждаҳоро хуриш сохтӣ.

Ду покиза аз кишвари[6] подшо,
Ду марди гаронмояи[7] порсо,

Яке номаш Армоили покдин,
Дигар ном Кармоили пешбин.

---

1. Ж - духтар
2. ИЛ – покдоман.
3. ИЛ – ҷодуӣ.
4. Л – аз каҷҷӣ, бадхӯӣ;
   ТПЗ – Бад-ин буд будёни Заҳҳоки шум,
   Ҷаҳон шуд мар ӯро чу як мӯхра мум.
5. ИЛ Ж – бипардохтӣ.
6. И – гавҳари.
7. И – дурри гаронмояву.

www.sattor.com

Чунон буд, ки буданд рӯзе ба ҳам,
Сухан рафт ҳар гуна аз бешу кам.

Зи бедодгар шоҳу аз лашкараш,
В-аз он расмҳои бад андарх(в)араш.

Яке гуфт: «Моро ба холигарӣ
Бибояд бари шоҳ рафтоварӣ.

В-аз он пас яке чорае сохтан,[1]
Зи ҳар гуна андеша андохтан.[2]

Магар з-ин ду танро, ки резанд хун,
Якеро тавон овариданбурун».

Бирафтанду холигарӣ сохтанд,
Хуришҳо ба андоза пардохтанд.[3]

Хуришхонаи подшоҳи ҷаҳон
Гирифт он ду бедори хуррам ниҳон,[4]

Чу омад-ш[5] ҳангоми хун рехтан,
Ба ширинравон андар овехтан.

Аз он рӯзбонони мардумкушон
Гирифта ду марди ҷавонро кашон.

Давон*[6] пеши холигарон тохтанд,
Зи боло ба рӯй - андар андохтанд.

Пур аз дард холигаронро ҷигар,
Пур аз хун ду дида, пур аз кина сар.

Ҳаме бингарид ин бад-он, он бад-ин
Зи кирдору бедоди шоҳи замин.

1. И – сохтӣ.
2. И – андохтӣ.
3. ИЛ – беандоза бишнохтанд.
4. И – фаррухниҳон.
5. ИЛ – омад ба.
6. М – занон.

www.sattor.com

Аз он ду якеро бипардохтанд,
Ҷуз ин чорае низ нашнохтанд.

Бурун кард мағзи сари гӯспанд,
Баромехт бо мағзи он[1] арҷманд.

Якеро ба ҷон дод зинҳору гуфт:
«Нигар, то биёрӣ[2] сар андар нуҳуфт.

Нигар, то набошӣ ба обод шаҳр,
Туро дар[3] ҷаҳон кӯҳу дашт аст баҳр».

Ба ҷои сараш з-он сари бебаҳо
Хуриш сохтанд аз паи аждаҳо.[4]

Аз ин гуна ҳар моҳиён сӣ ҷавон
Аз эшон ҳаме ёфтандӣ равон

Чу гирд омадандӣ[5] аз эшон дувист,
Бар он сон, ки нашнохтандӣ, ки кист.

Хуришгар бар эшон бузе чанду меш
Бидодиву саҳро ниҳодиш пеш.

Кунун курд аз он тухма дорад нажод,
К-аз обод н-ояд ба дил бар-ш ёд.

Бувад хонаҳошон саросар палос,
Надоранд дар дил зи Яздон ҳарос.[6]

Пас оини Заҳҳоки вожунаҳӯй
Чунон буд, ки чун мебудаш орзуй.

Зи мардони ҷангӣ яке хостӣ
Ба куштӣ, ки бо дев бархостӣ.

1. Биёмехт бо ин сари.
2. Л – набозӣ.
3. ИЛ – аз.
4. Л – подшо.
5. И – омадӣ мард.
6. Л – б. 38 нест.

www.sattor.com

Куҷо[1] номвар духтари[2] хубрӯй
Ба парда - дарун пок, бегуфтугӯй,

Парастанда кардиш бар пеши хеш,
На расми каӣ буд, на оин, на кеш.

АНДАР ХОБ ДИДАНИ ЗАҲҲОК ФАРИДУНРО

Чу аз рӯзгораш чиҳил сол монд,
Нигар, то ба сар бар-ш Яздон чӣ ронд.

Дар айвони шоҳӣ шабе дерёз
Ба хоб - андарун буд бо Арнавоз.

Чунон дид, к-аз шохи шоҳаншаҳон
Се ҷангӣ падид омадӣ ногаҳон.

Ду меҳтар, яке кеҳтар андар миён
Ба болои сарву ба чеҳри каён.

Камар бастану рафтани[3] шоҳвор,
Ба чанг - андарун гурзаи говсор.

Дамон[4] пеши Заҳҳок рафтӣ ба ҷанг,
Задӣ бар сараш гурзаи говранг.

Якояк ҳамон гурди кеҳтар ба сол
Зи сар то ба пояш кашидӣ дувол.

Бад-он зеҳ ду дасташ бубастӣ чу санг,
Ниҳодӣ ба гардан - бараш полҳанг.

Бад-ин хориву зориву гурму дард
Пароканда бар торакаш хоку гард.[5]

Ҳаме тохтӣ то Дамовандкӯҳ,
Кашону давон аз пас - андар гурӯҳ.

1. И – яке.
2. И – духтаре.
3. И – баставу рафтане.
4. И – Давон.
5. ИЛ – б. 51 нест.

www.sattor.com

Бупечид Заҳҳоки бедодгар,
Бидарридаш аз бим,[1] гуфтӣ, ҷигар.

Яке бонг барзад ба хоб - андарун,
Ки ларзон шуд он хонаи садсутун.

Биҷастанд хуршедрӯён зи ҷой
Аз он ғулғули номвар кадхудой.

Чунин гуфт Заҳҳокро Арнавоз,
Ки «Шоҳо, чӣ будат, бигӯӣ[2] ба роз?

Ба ором хуфта ту дар хони хеш,
Чӣ дидӣ, бигӯӣ, чӣ омад-т пеш?[3]

Ҷаҳоне саросар ба фармони туст,
Даду деву мардум нигаҳбони туст,

Замин, ҳафт кишвар ба шоҳӣ турост,
Сари моҳ то пушти моҳӣ турост.

Чӣ будӣ, к-аз он сон биҷастӣ зи ҷой?
Ба мо бозгӯй, эй ҷаҳонкадхудой!»[4]

Ба хуршедрӯён сипаҳдор гуфт,
Ки «Ин хобро боз бояд нуҳуфт.

Гар эдун, ки[5] ин достон бишнавед,
Шавадтон дил аз ҷони ман ноумед.»

Ба шоҳи гаронмоя гуфт Арнавоз,
Ки «Бар мо бибояд кушодан-т роз.

Тавонем кардан магар чорае,
Ки бе чорае нест патёрае».

---

1. Л – ҳавл.
2. Л – дидӣ, бигӯям.
3. И – Бад-ин-бар натарсидӣ аз ҷони хеш;
   Л – Ту хуфта ба ором дар ҷои хеш,
   Бад-ин сон натарсида аз рои хеш.
4. ИЛ – б. 60 нест.
5. Л – Агар аз ман.

www.sattor.com

Баровард пас ӯ[1] ниҳон аз нуҳуфт,
Ҳама хоб як-як[2] бад-эшон бигуфт.

Чунин гуфт бо номвар хубрӯй,[3]
Ки «Магзор инро, раҳи чора ҷӯй![4]

Нигини замона сари тахти туст,
Ҷаҳон равшан аз номвар бахти туст.

Ту дорӣ ҷаҳон зери ангуштарӣ,
Даду мардуму мурғу деву[5] парӣ.

Зи ҳар кишваре гирд кун бихрадон,[6]
Зи ахтаршиносону аз мӯбадон.[7]

Сухан сар ба сар мӯбадонро бигӯй,
Пижӯҳиш куну розҳо[8] бозҷӯй.[9]

Нигаҳ кун, ки ҳуши ту бар дасти кист,
Зи мардум нажод[10] ар зи деву парист.

Чу донистияш, чора кун[11] он замон,
Ба хира матарс аз бади бадгумон».

Шаҳи бадманишро[12] хуш омад сухун,
Ки он сарви симинбар[13] афканд бун.

Ҷаҳон аз шаби тира чун парри зоғ,
Ҳамон гаҳ сар аз кӯҳ барзад чароғ.

---

1. ИЛ – Сипаҳбад кушод он.
2. Л – яксон.
3. Л – чораҷӯй.
4. Л – Пижӯҳиш куну ростӣ боз ҷӯй; И – ин роҳро, чора ҷӯй.
5. И – дому ҷинию унсу.
6. ИЛ – меҳтарон.
7. ИЛ – афсунгарон.
8. И – ростиро.
9. Л – Ниҳонӣ ҳама розҳоро, биҷӯй.
10. ИЛ – мардум шумор.
11. Л – дониста шуд чора соз.
12. И – хушманишро; Л – пурманишро.
13. ИЛ – сарвбун посух.

www.sattor.com

Ту гуфтӣ, ки бар гунбади[1] лоҷвард
Бигустард хуршед ёқути зард.

Сипаҳбад ҳар он ҷо, ки буд мӯбаде,
Сухандону бедордил бихраде.

Зи кишвар ба наздики хеш оварид,
Бигуфт он ҷигархаста хобе, ки дид.

Бихонду ба як ҷояшон гирд кард,
В-аз эшон ҳаме ҷуст дармони дард.

Бигуфто: «Маро зуд огаҳ кунед,
Равонро сӯи равшанӣ раҳ кунед».

Ниҳонӣ сухан кардашон хостор
Зи неку бади гардиши рӯзгор,

Ки «Бар ман замона кай ояд ба сар,
Киро бошад ин тоҷу тахту камар?

Гар ин роз бар мо[2] бибояд кушод,
В-агар[3] сар ба хорӣ бибояд ниҳод».

Лаби мӯбадон хушку рухсора тар,*[4]
Забон пур зи гуфтор бо якдигар,*[5]

Ки «Гар буданӣ бозгӯем рост,
Шавад ҷон ба як бору ҷон бебаҳост.

В-агар нашнавад буданиҳо[6] дуруст,
Бибояд ҳам акнун[7] зи ҷон даст шуст[8]».

Се рӯзи чаҳорум барошуфт шоҳ
Бар он мӯбадони намояндароҳ,

1. ИЛ – кишвари.
2. Л – Ниҳон роз бар ман; И – Ки ин роз бар ман.
3. Л – Ва ё.
4. М – сард.
5. М - дард
6. И – бишнавад гуфтаниҳо; Л – бишнавад буданиҳо.
7. И – эдун.
8. Л – Ҳам акнун бибояд раҳи чора ҷуст.

www.sattor.com

Ки «Гар зиндатон дор бояд бисуд,
В-агар[1] буданиҳо бибояд намуд!»

Ҳама мӯбадон сар фиканда нагун,
Ба ду нима[2] дил, дидагон[3] пур зи хун.

Аз он номдорони бисёрҳуш
Яке буд бинодилу росткӯш,[4]

Хирадманду бедору Зирак ба ном,
Аз он мӯбадон ӯ задӣ пеш гом.

Дилаш тангтар гашту бебок шуд,
Кушодазабон пеши Заҳҳок шуд.

Бад-ӯ гуфт: «Пардахта[5] кун сар зи бод,
Ки ҷуз маргро кас зи модар назод.

Ҷаҳондор пеш аз ту бисёр буд,
Ки тахти меҳиро сазовор буд.

Фаровон ғаму шодмонӣ шумурд,
Чу рӯзи дарозаш сар омад, бимурд.[6]

Агар бораи оҳанинӣ ба пой,
Сипеҳрат бисояд, намонӣ ба ҷой.

Касеро бувад з-ин сипас тахти[7] ту,
Ба хок андарорад сари бахти[8] ту.

Куҷо номи ӯ Офаридун бувад,
Заминро сипеҳри ҳумоюн бувад.

1. И – Ҳама.
2. ИЛ – пур аз ҳавл.
3. И – дидашон.
4. И – бинодили тезгӯш.
5. Л – пардахт.
6. ИЛ – Бирафту ҷаҳон дигареро супурд.
7. И – бахти.
8. И – оварад ин сару тахти.

www.sattor.com

Ҳанӯз он сипаҳбад зи модар назод,
Наёмад гаҳи тарсашу[1] сард бод.

Чу ӯ зояд аз модари пурҳунар,
Ба сони дарахте бувад борвар.

Ба мардӣ[2] расад, баркашад сар ба моҳ,
Камар ҷӯяду тоҷу тахту кулоҳ.

Ба боло шавад чун яке сарви бурз,
Ба гардан барорад зи пӯлод гурз.

Занад бар сарат гурзаи говрӯй,
Ба бандат дарорад зи айвон ба кӯй».

Бад-ӯ гуфт Заҳҳоки нопокдин:
«Чаро бандадам, чист бо ман-ш кин?»

Диловар бад-ӯ гуфт: «Гар бихрадӣ,
Касе бебаҳона наҷӯяд[3] бадӣ.

Барояд ба дасти ту ҳуши падар-ш,
В-аз он дард гардад пур аз кина сар-ш.

Яке гов Бармоя хоҳад будан,
Ҷаҳонҷӯйро доя хоҳад будан.

Табаҳ гардад он ҳам ба дасти ту-бар,
Бад-ин кин кашад гурзаи[4] говсар».

Чу Заҳҳок бишнид, букшод гӯш,
Зи тахт андарафтоду з-ӯ рафт ҳуш.

Гаронмоя аз пеши тахти баланд
Битобид рӯяш зи бими[5] газанд.

1. И – тарси ӯ.
2. И – ҷое.
3. И – насозад.
4. Кина бар сар занад.
5. ИЛ – Биёмад диле пур зи биму.

www.sattor.com

Чу омад дили тоҷвар боз ҷой,
Ба тахти каён[1] андаровард пой.

Нишони Фаридун ба гирди ҷаҳон
Ҳаме бозҷуст ошкору ниҳон.

На ором будаш, на хобу на х(в)ард,
Шуда рӯзи равшан бад-ӯ лоҷвард.

АНДАР ЗОДАНИ ФАРИДУН

Баромад бар ин[2] рӯзгоре дароз,
Ки шуд аждаҳофаш ба тангӣ фароз.

Хуҷаста Фаридун зи модар бизод,
Ҷаҳонро яке дигар омад ниҳод.

Биболид бар сони сарви саҳӣ,
Ҳаме тофт з-ӯ фарри шоҳаншаҳӣ.

Ҷаҳонҷӯй бо фарри Ҷамшед буд,
Ба кирдори[3] тобанда хуршед буд.

Ҷаҳонро чу борон ба боистагӣ,
Равонро чу дониш ба шоистагӣ.

Ба сар-бар ҳаме гашт гардонсипеҳр,
Шуда ром бо Офаридун ба меҳр.

Ҳамон гов, к-аш ном Бармоя буд,
Зи говон варо бартарин поя буд.

Зи модар ҷудо шуд чу товуси нар,
Ба ҳар мӯй-бар тоза ранги дигар.

Шуда анҷуман бар сараш бихрадон,
Ситорашиносону ҳам мӯбадон,

1. И – кай.
2. И – Сар омад бад-ин.
3. Ҷаҳонро чу.

www.sattor.com

Ки кас дар ҷаҳон гов чунон надид,
На аз пирсар кордонон шунид.

Замин кард Заҳҳок пургуфтугӯй,
Ба гирди замин дар ҳамин ҷустуҷӯй.

Фаридун, ки будаш падар Обтин,
Шуда танг бар Обтин-бар замин.

Гурезону аз хештан гашта сер,
Баровехт ногоҳ дар доми шер.

Аз он рӯзбонони нопокмард,
Тане чанд рӯзе бад-ӯ боз х(в)ард.

Гирифтанду бурданду баста чу юз
Бар ӯ бар сар овард Заҳҳок рӯз.

Хирадманд моми Фаридун чу дид,
Ки бар ҷуфти ӯ - бар чунон бад расид,[1]

Фаронак будаш ному фархунда буд,
Ба меҳри Фаридун дил оганда буд.

Равон гашту дилхаста аз[2] рӯзгор,
Ҳаме рафт гирён сӯи[3] марғзор.

Куҷо номвар гов Бармоя буд,
Ки рахшанда бар тан-ш пероя буд.

Ба пеши нигаҳбони он марғзор
Хурӯшиду борид хун дар канор.

Бад-ӯ гуфт: «Ин кӯдаки ширхор
Зи ман рӯзгоре ба зинҳор дор.

Падарвораш аз модар - андар пазир,
В-аз ин гови нағзаш бипарвар ба шир.

1. ТПЗ – Зане буд ороиши рӯзгор,
Дарахте к-аз ӯ фарри шоҳӣ ба бор.
2. И – дил хастаи.
3. И – пӯён бад-он.

www.sattor.com

Агар[1] бора хоҳӣ, равонам турост,
Гаравгон кунам ҷон бад-он, к-ат ҳавост».

Парастандаи бешаву гови нағз
Чунин дод посух бад-он покмағз,

Ки «Чун банда дар пеши фарзанди ту
Бибошам пазирандаи панди ту».

Фаронак бад-ӯ дод фарзандро,
Бигуфташ бад-ӯ гуфтанӣ пандро.[2]

Се солаш падарвор аз он гов шир
Ҳаме дод ҳушёри зинҳоргир.

Нашуд сер Заҳҳок аз он ҷустуҷӯй,
Шуд аз гов гетӣ пур аз гуфтугӯй.

Давон модар омад сӯи марғзор,
Чунин гуфт бо марди зинҳордор,[3]

Ки «Андешае дар дилам эзадӣ
Фароз омадаст аз раҳи бихрадӣ.

Ҳаме кард бояд, к-аз он чора нест,
Ки фарзанду ширин равонам якест.

Бибуррам пай аз хоки ҷодуситон,
Шавам бо писар сӯи Ҳиндустон.

Шавам нопадид аз миёни гурӯҳ,
Мар инро барам то[4] аз Албуркӯҳ.[5]

Биёвард фарзандро чун наванд
Чу ғурми жиён сӯи кӯҳи баланд.

---

1. ИЛ – Дигар.
2. И – б. 139 нест.
3. ИЛ – зинҳорхор.
4. ИЛ – барам хубрухро.
5. ТПЗ – Чу гуфт ин сухан, хубрухро бибурд,
Зи бас доғи ӯ хуни дил месутурд.

www.sattor.com

Яке марди динӣ бад-он кӯҳ буд,
Ки аз кори гетӣ беандӯҳ буд.

Фаронак бад-ӯ гуфт, к-«Эй покдин,
Манам сӯгворе зи Эронзамин.

Бидон, к-ин гаронмоя фарзанди ман
Ҳаме буд хоҳад сари анҷуман.

Бибуррад сару тоҷ Заҳҳокро,
Супорад камарбанди ӯ хокро.

Туро буд бояд нигаҳбони ӯй,
Падарвор ларзанда бар ҷони ӯй».

Бипазруфт фарзанди ӯ некмард,
Наёвард ҳаргиз бад-ӯ боди сард.

Хабар шуд ба Заҳҳоки бадрӯзгор
Аз он бешаву гову он марғзор.

Биёмад пур аз кина чун пили маст,
Мар он гови Бармояро кард паст.

Ҳама ҳарчӣ дид андар ӯ[1] чорпой,
Бияфканду з-эшон бипардохт ҷой.

Сабук сӯи хони Фаридун[2] шитофт,
Фаровон пижӯҳиду касро наёфт.

Ба айвони ӯ оташ андарфиканд,
Зи пой андаровард кохи баланд.

ПУРСИДАНИ ФАРИДУН НАЖОДИ ХУДРО АЗ МОДАР

Чу бугзашт бар Офаридун ду ҳашт,
Зи Албурзкӯҳ андаромад ба дашт.

Бари модар омад пижӯҳиду гуфт,
Ки «Букшой бар ман ниҳон аз нуҳуфт.

1. Л – Ҷуз он ҳарчӣ буд андар он.
2. ИЛ – Сӯи хонаи Офаридун.

www.sattor.com

Бигӯ мар маро, то кӣ будам падар?
Киям ман, ба тухм аз кадомин гуҳар?!

Чӣ гӯям, киям[1] бар сари анҷуман?
Яке донишӣ достоне бизан».

Фаронак бад-ӯ гуфт, к-«Эй номҷӯй,
Бигӯям туро, ҳарчӣ гуфтӣ, бигӯй.

Ту бишнос, к-аз марзи Эронзамин
Яке мард буд номи ӯ Обтин.

Зи тухми каён буду бедор буд,
Хирадманду гурду[2] беозор буд.

Зи Таҳмураси гурд будаш нажод,
Падар бар падар-бар ҳаме дошт ёд.

Падар буд туро, мар маро нек шӯй,
Набуд рӯз равшан маро ҷуз бад-ӯй.

Чунон буд, ки Заҳҳоки ҷодупараст
Аз Эрон ба ҷони ту ёзид даст.

Аз ӯ ман ниҳонат ҳамедоштам,
Чӣ моя ба бад рӯз бигзоштам.

Падар-т он гаронмоя марди ҷавон
Фидо кард пеши ту ширин равон.

Абар китфи Заҳҳоки ҷоду ду мор
Бирусту баровард аз Эрон[3] димор.

Сари бобат аз мағз пардохтанд,
Мар[4] он аждаҳоро хуриш сохтанд.[5]

---

1. Л – чиям.
2. Л – хирадманд гурди; И – хирадманд буду.
3. ИЛ – баромад зи мардум.
4. И – Ҳамон.
5. И – пас аз б. 172 ин б. омада:
   Биёмад, бикушт он гаронмоя хор,
   Табаҳ кард бар мо чунин рӯзгор.

www.sattor.com

Саранҷом рафтам сӯи бешае,
Ки касро набуд эч[1] андешае.

Яке гов дидам чу хуррам баҳор,[2]
Саропои ӯ пур зи[3] рангу нигор.

Нигаҳбони ӯ пой карда ба каш,
Нишаста ба пеш - андарун шоҳфаш.

Бад-ӯ додамат рӯзгори дароз,
Ҳаме парваридат ба бар-бар ба ноз.

Зи пистони он гови товусранг
Барафрохтӣ чун диловар наҳанг.

Саранҷом з-он гову он марғзор
Якояк хабар шуд сӯи[4] шаҳрёр.

Зи беша бибурдам туро ногаҳон
Гурезон зи Эрону аз хонумон.

Биёмад, бикушт он гаронмояро,
Чунон безабон,[5] меҳрубон дояро.

В-аз айвони мо то ба хуршед хок
Бароварду кард аз[6] баландӣ мағок».

Фаридун барошуфту букшод гӯш,
Зи гуфтори модар баромад ба ҷӯш.

Дилаш пур зи дарду сараш[7] пур зи кин,
Бар абрӯ зи хашм андаровард чин.

Чунин дод посух ба модар, ки «Шер
Нагардад магар б-озмудан[8] далер.

1. Л – На касро на з-он беша.
2. ИЛ – боғи баҳор.
3. Л – Саропой найрангу.
4. И – бари.
5. Л – бовафо.
6. ИЛ – он.
7. И – гашти пурдарду ҷон; Л – сар.
8. Л – з-озмоиш.

www.sattor.com

Кунун карданӣ кард ҷодупараст,
Маро бурд бояд ба шамшер даст.

Бипӯям ба фармони Яздони пок,
Барорам зи айвони Заҳҳок хок».

Бад-ӯ гуфт модар, ки «Ин рой нест,
Туро бо ҷаҳон сар ба сар пой нест.

Ҷаҳондор Заҳҳок бо тоҷу гоҳ,
Миён баста фармони ӯро сипоҳ.

Чу хоҳад зи ҳар кишваре сад ҳазор
Камарбаста ояд,[1] кунад корзор.

Ҷуз ин[2] аст оини пайванду кин
Ҷаҳонро ба чашми ҷавонӣ мабин,

Ки ҳар, к-ӯ набиди ҷавонӣ чашид,
Ба гетӣ ҷуз аз хештанро надид.

Бад-он мастӣ-андар диҳад сар ба бод,
Туро рӯз ҷуз шоду хуррам мабод.

Туро, эй писар, панди ман ёд бод,
Ба ҷуз гуфти модар дигар бод бод!»[3]

ДОСТОНИ ЗАҲҲОК БО КОВАИ ОҲАНГАР

Чунон буд, ки Заҳҳок худ рӯзу шаб
Ба ёди Фаридун кушодӣ ду лаб.

Бад-он бурзу боло зи бими нишеб
Дилаш з-Офаридун шуда пурниҳеб.

Чунон буд, ки як рӯз бар тахти оҷ
Ниҳода ба сар-бар зи пирӯза тоҷ.

1. ИЛ – ӯро.
2. Л – Чунин.
3. Л – б. 193 нест.

www.sattor.com

Зи ҳар кишваре меҳтаронро бихост,
Ки дар подшоҳӣ кунад пушт рост.

Аз он пас чунин гуфт бо мӯбадон,[1]
Ки «Эй пурҳунар, номвар[2] бихрадон,

Маро дар ниҳонӣ яке душман аст,
Ки бар бихрадон ин сухан равшан аст.[3]

Надорам ҳаме душмане хурду хор,
Битарсам ҳаме аз бади рӯзгор.[4]

Ҳаме з-ин фузун боядам лашкарӣ,
Ҳам аз мардуму ҳам зи деву парӣ.

Яке лашкаре хоҳам ангехтан,
Або девмардум баромехтан.

Бибояд бар ин буд ҳамдостон,
Ки ман ношикебам бад-ин достон.

Яке маҳзар акнун бибояд набишт,
Ки ҷуз тухми некӣ сипаҳбад[5] накишт.

Нагӯяд сухан ҷуз ҳама ростӣ,
Нахоҳад ба дод - андар он костӣ.»

Зи бими сипаҳбад ҳама ростон
Бад-он кор гаштанд ҳамдостон.

---

1. И – меҳтарон.
2. И – богуҳар.
3. ТПЗИ – Ба сол андакеву ба дониш бузург,
Гаве пурнажоду далере сутург.
Агарчи ба сол андак аст ин ҷавон,
Чунин гуфт мӯбад ба пеши гавон,
Ки душман агарчи бувад хору хурд,
Мар ӯро ба нодон набояд шумурд.
4. И – пас аз б. 200 ин б. омада:
Битарсам, ки гирад ба ман-бар ҷаҳон,
Кунад мар маро аз бари гил ниҳон.
5. Л – Заҳҳок ҷуз тухми некӣ.

www.sattor.com

Дар он маҳзари аждаҳо ногузир
Гувоҳӣ набиштанд барнову пир.

Ҳамон гаҳ якояк зи даргоҳи шоҳ
Баромад хурӯшидани додхоҳ.

Ситамдидаро пеши ӯ хонданд,
Бари номдорон-ш биншонданд.

Бад-ӯ гуфт меҳтар ба рӯи дижам,
Ки «Баргӯй, то аз кӣ дидӣ ситам?»

Хурӯшиду зад даст бар сар зи шоҳ,
Ки «Шоҳо, манам Коваи додхоҳ!

Бидеҳ доди ман, омадастам давон,
Ҳаме нолам аз ту ба ранҷи равон.

Агар дод додан бувад кори ту,
Бияфзояд, эй шоҳ, микдори ту!

Зи ту бар ман омад ситам бештар,
Занӣ ҳар замон бар дилам нештар.

Ситам гар надорӣ ту бар ман раво,
Ба фарзанди ман даст бурдан чаро?

Маро буд ҳаждаҳ писар дар ҷаҳон,
Аз эшон яке мондааст ин замон.

Бубахшову бар ман яке дарнигар,
Ки сӯзон шавад ҳар замонам ҷигар.

Шаҳо, ман чӣ кардам, яке бозгӯй,
В-агар бегуноҳам, баҳона маҷӯй.

Ба ҳоли ман, эй тоҷвар, дарнигар,
Маяфзой бар хештан дарди сар.

Маро рӯзгор инчунин кӯж кард,
Дили беумеду сари пур зи дард.

www.sattor.com

Ҷавонӣ намондасту фарзанд нест,
Ба гетӣ чу фарзанд пайванд нест.

Ситамро миёну карона бувад,
Ҳам эдун ситамро баҳона бувад.

Баҳона чӣ дорӣ ту бар ман биёр,
Ки бар ман сиголӣ бади рӯзгор.[1]

Яке безиён марди оҳангарам,
Зи шоҳ оташ ояд ҳаме бар сарам.

Ту шоҳиву гар аждаҳопайкарӣ,
Бибояд бад-ин достон доварӣ.

Агар ҳафт кишвар ба шоҳӣ туруст,
Чаро ранҷу сахтӣ ҳама бахри мост?

Шуморет бо ман бибояд гирифт
Бад-он, то ҷаҳон монад андар шигифт.

Магар, к-аз шумори ту ояд падид,
Ки навбат ба фарзанди ман чун расид,

Ки морон-тро мағзи фарзанди ман
Ҳаме дод бояд ба ҳар анҷуман».

Сипаҳбад ба гуфтори ӯ бингарид,
Шигифт омадаш, к-он суханҳо шунид.[2]

Бад-ӯ боз доданд фарзанди ӯй,
Ба хубӣ биҷустанд пайванди ӯй.

Бифармуд пас Коваро подшоҳ,
Ки бошад бад-он маҳзар ӯро[3] гувоҳ.

Чу бархонд Кова ҳама маҳзараш,
Сабук сӯи пирони он кишвараш,

1. ИЛ – б. 212-223 нест.
2. И – пас аз б. 230 ин б.омада:
   Шикӯҳе ба дил-ш андар омад аз ӯй,
   Бари мардум он марди бедодҷӯй.
3. ИЛ – маҳзар-андар.

www.sattor.com

Хурӯшид, к-«Эй поймардони дев,
Бурида дил аз тарси кайҳонхидев,

Ҳама сӯи дӯзах ниҳодед рӯй,
Супурдед дилҳо ба гуфтори ӯй.

Набошам бад-ин маҳзар - андар гувоҳ,
На ҳаргиз барандешам аз подшоҳ.»

Хурӯшиду барҷаст ларзон зи ҷой.
Бидарриду биспард маҳзар ба[1] пой.

Гаронмоя фарзанди ӯ[2] пеши ӯй
Аз айвон бурун шуд хурӯшон ба кӯй.

Меҳон шоҳро ханданд офарин,
Ки «Эй номвар шаҳрёри замин,

Зи чархи фалак бар сарат боди сард
Наёрад гузаштан ба рӯзи набард,

Чаро пеши ту Коваи хомгӯй
Ба сони ҳамолон кунад сурх рӯй?

Ҳаме[3] маҳзари мо ба[4] паймони ту
Бидаррад, бупечад зи фармони ту?

Сару дил пур аз кина карду бирафт,
Ту гӯӣ, ки аҳди Фаридун гирифт.[5]

Надидем мо кор з-ин зишттар,
Бимондем хира бад-ин кор-дар».

Каи номвар посух овард зуд,
Ки «Аз ман шигифте бибояд шунуд,[6]

---

1. И – Бидаррид маҳзар, бияфшурд.
2. Л – фарзанд буд.
3. Л – Ҳама.
4. Л – мову.
5. Л – б.243 нест.
6. И – пас аз б. 245 ин б. омада:
   Ба пирони кишвар чунин гуфт шоҳ,
   Ки «Тарсам, шавад рӯзи равшан сиёҳ».

www.sattor.com

Ки чун Кова омад зи даргаҳ падид,
Ду гӯши ман овои ӯро шунид.

Миёни ману ӯ ба айвон дар аст,
Яке оҳану кӯҳ[1] гуфтӣ бар аст.

Ҳам эдун чу ӯ зад ба сар-бар ду даст,
Шигифте маро дар дил омад шикаст.

Надонам, чӣ шояд будан з-ин сипас,
Ки рози сипеҳрӣ надонист кас»

Чу Кова бурун омад аз пеши шоҳ,
Бар ӯ анҷуман гашт бозоргоҳ.

Ҳаме бархурӯшиду фарёд хонд,
Ҷаҳонро саросар сӯи дод хонд.

Аз он чарм, к-оҳангарон пушти пой
Бипӯшанд ҳангоми захми дарой,

Ҳамон Кова он бар сари найза кард,
Ҳамон гаҳ зи бозор бархост гард.

Хурӯшон ҳамерафт найза ба даст,
Ки «Эй номдорони яздонпараст!

Касе к-ӯ ҳавои Фаридун кунад,
Сар аз банди Заҳҳок берун кунад.

Якояк ба назди Фаридун шавем,
Бад-он сояи фарри ӯ биғнавем.[2]

Бипӯед, к-ин меҳтар Оҳарман аст,
Ҷаҳонофаринро ба дил душман аст!»

Бад-он бебаҳо носазовор пӯст,
Падид омад овои душман зи дӯст.

1. Л – кӯҳи оҳан ту.
2. ИЛ – б. 256 нест.

www.sattor.com

Ҳаме рафт пеш - андарун марди гурд,
Сипоҳе бар ӯ анҷуман шуд на хурд.

Бидонист худ, к-Офаридун куҷост,
Сар андаркашиду ҳаме рафт рост.[1]

Биёмад ба даргоҳи солори нав,
Бидидандаш аз дуру бархост ғав.

Чу он пӯст бар найза - бар дид кай,
Ба некӣ яке ахтар афканд пай.

Биёрост онро ба дебои Рум,
Зи гавҳар бар ӯ пайкару зар-ш бум.

Бизад бар сари хеш чун гирдмоҳ,
Яке фоли фаррух пай афканд шоҳ.

Фурӯ ҳишт з-ӯ сурху зарду бунафш,
Ҳаме хондаш «Ковиёнӣ дурафш».

Аз ин пас ҳар он кас, ки бигрифт гоҳ,
Ба шоҳӣ ба сар барниҳодӣ кулоҳ,

Бар он бебаҳо чарми оҳангарон
Баровехтӣ нав ба нав гавҳарон.

Зи дебои пурмояву парниён
Бар он гуна гашт ахтари ковиён,

Ки андар шаби тира хуршед буд,
Ҷаҳонро аз ӯ дил пуруммед буд.

Бигашт андар ин низ чанде ҷаҳон,
Ҳаме буданӣ дошт андар ниҳон.

Фаридун чу гетӣ бар он гуна дид,
Ҷаҳон пеши Заҳҳок вожуна дид,

1. И – пас аз б. 260 ин б. омада:
Нишоне ҳаме ҷусту рафтӣ зи пеш,
Ки ёбад саранҷом солори хеш.

www.sattor.com

Сӯи модар омад камар бар миён,
Ба сар барниҳода кулоҳи каён,

Ки «Ман рафтаниям сӯи корзор,
Туро ҷуз ниёиш мабод эч кор.

Зи гетӣ ҷаҳонофарин бартар аст,
Бад-ӯ*[1] зан ба ҳар неку бад ҳарду даст.»

Фурӯ рехт об аз мижа модараш,
Ҳаме хонд бо хуни дил довараш.

Ба Яздон ҳаме гуфт: «Зинҳор ман
Супурдам ба ту,[2] эй ҷаҳондор, ман!

Бигардон зи ҷонаш ниҳеби бадон,[3]
Бипардоз гетӣ зи нобихрадон!»

Фаридун сабук сози рафтан гирифт,
Суханро зи ҳар кас нуҳуфтан гирифт.

Бародар ду будаш-ду фаррухҳамол,
Аз ӯ ҳарду озода меҳтар ба сол.

Яке буд аз эшон Каёнуш ном,
Дигар ном Пурмояи шодком.

Фаридун бар эшон сухан баркушод,
Ки «Хуррам зиед,[4] эй далерону шод,

Ки гардун нагардад ба ҷуз бар беҳӣ,
Ба мо бозгардад кулоҳи меҳӣ.

Биёред дононда оҳангарон,
Яке гурз созанд моро[5] гарон.»

Чу букшод лаб, ҳарду биштофтанд,
Ба бозори оҳангарон тофтанд.

1. М – дар ӯ.
2. И – туро.
3. Л – бади ҷовудон; И – бади, бадгумон.
4. И – вувед.
5. Л - фармуд

www.sattor.com

Аз он пеша ҳар кас, ки[1] буд номҷӯй,
Ба сӯи Фаридун[2] ниҳоданд рӯй.

Ҷаҳонҷӯй паргор бигрифт зуд,
В-аз он гурз пайкар бад-эшон намуд.

Нигоре нигорид бар хок пеш
Ҳамэдун ба сони сари говмеш.

Бад-он даст бурданд оҳангарон,
Чу шуд сохта кори гурзи гарон,

Ба пеши ҷаҳонҷӯй бурданд гурз,
Фурӯзон ба кирдори хуршеди бурз.

Писанд омадаш кори пӯлодгар,
Бибахшидашон ҷомаву симу зар.

Ҳаме кардашон низ фаррух умед,
Басе додашон меҳтариро навид,

Ки гар аждаҳоро кунам зери хок,
Бишӯям шуморо сар аз гард пок.

Ҷаҳонро ҳама сӯи дод оварам,[3]
Чу аз номи додор ёд оварам.[4]

РАФТАНИ ФАРИДУН БА ҶАНГИ ЗАҲҲОК

Фаридун ба хуршед - бар бурд сар,
Ба кини падар танг басташ камар.

Бурун шуд ба шодӣ ба хурдодрӯз,
Ба некахтару фоли гетифурӯз.

---

1. И – Ҳар он кас к-аз он пеша.
2. И – Сӯи Офаридун.
3. И – оврем
4. И – оварем; И – пас аз б. 293 ин байт омада:
   Шуморо диҳам пояи меҳтарӣ,
   Ба оҳангарон - бар диҳам бартарӣ.

www.sattor.com

Сипоҳ анҷуман шуд ба даргоҳи ӯй,
Ба абр андаромад сари гоҳи ӯй.

Ба пилони гарданкашу говмеш
Сипаҳро ҳаме тӯша бурданд пеш.[1]

Каёнӯшу Пурмоя бар дасти шоҳ
Чу кеҳтар бародар варо некхоҳ.

Ҳаме рафт манзил ба манзил чу бод,
Саре пур зи кина, диле пур зи дод.

Расиданд бар тозиёни наванд,
Ба ҷое ки яздонпарастон буданд.

Даромад дар[2]*[3] он ҷои некон фуруд,
Фиристод[4] наздики эшон дуруд.

Чу шаб тиратар гашт, аз он ҷойгоҳ
Хиромон биёмад яке некхоҳ.

Фурӯ ҳишта аз мушк то пой мӯй,
Ба кирдори ҳури биҳиштиш рӯй.

Суруше бад-ӯ омада аз биҳишт,
Ки то бозгӯяд бад-ӯ хубу зишт.

Сӯи меҳтар омад ба сони парӣ,
Ниҳонаш*[5] биёмӯхт афсунгарӣ,

Ки то[6] бандҳоро бидонад калид,
Кушода ба афсун кунад нопадид.

Фаридун бидонист, к-он эзадист,
На оҳарманиву на кори бадист.[7]

1. И – б. 295-297 нест.
2. И – Пас омад бар.
3. М – Ж бад-ин.
4. И – фиристода.
5. М – ниҳонӣ.
6. И – Куҷо.
7. И – На аз роҳи пайкору на бихрадист; Л – На аз роҳи пайкору дасти бадист.

Шуд аз шодмонӣ рухаш арғавон,
Ки танро ҷавон диду давлат ҷавон.

Хуришҳо биёрост холигарон,[1]
Яке пок хон аз дари меҳтарон.[2]

Чу шуд нӯш хӯрда[3], шитоб омадаш,
Гарон шуд сараш, рои[4] хоб омадаш.[5]

Чу он эзадӣ рафтани кори ӯй
Бидиданду он бахти бедори ӯй,

Бародар сабук ҳарду бархостанд,
Табаҳ карданашро биёростанд.

Яке кӯҳ буд аз бараш[6] - Бурзкӯҳ,
Бародар-ш ҳарду ниҳон аз гурӯҳ.

Ба поини кӯҳ шоҳ хуфта ба ноз,
Шуда як замон аз шаби дерёз,

Ба кӯҳ бар шуданд он ду бедодгар,
В-аз эшон набуд ҳеч касро хабар.[7]

Чу эшон аз он[8] кӯҳ канданд санг,
Бад-он то бикӯбад сараш бедиранг.

Аз он кӯҳ ғалтон фурӯ гоштанд,
Мар он хуфтаро кушта пиндоштанд.

---

1. И – холигаре; Л – Хуриш нағз орост холигараш.
2. И – меҳтаре; Л – бари меҳтараш.
3. И – нӯшхора.
4. И – гашт сар сӯи.
5. И – пас аз б. 310 ин б. омада:
   Намуданд дар хоб, ҳарч-аш расад,
   Чу дид аз ҷаҳонҷӯй ҳар неку бад.
6. Л – санг буд аз буни.
7. ТПЗИЛМ – Зи хоро биканданд санге гарон,
   Надиданд мар* кори** бадро карон.
   * Л-от; **И – пайкори.
8. Л – Давиданду аз.

www.sattor.com

Ба фармони Яздон сари хуфтамард
Хурӯшидани санг бедор кард.

Ба афсун ҳамон санг бар ҷои хеш
Бубасту нағалтид як зарра[1] беш.

Бародар бидонист, к-он эзадист,
На аз роҳи бекору дасти бадист.

Фаридун камар басту андаркашид,
Накард он суханро бад-эшон падид.

Биронду будаш Кова пеши сипоҳ,
Бар афроз ронд ӯ аз он ҷойгоҳ.

Барафрошта ковиёнӣ дурафш,
Ҳумоюн ҳамон хусравонӣ дурафш,[2]

Ба Арвандрӯд[3] андаровард[4] рӯй,
Чунон чун бувад марди дайҳимҷӯй.

Агар паҳлавонӣ надонӣ забон,
Ба тозӣ ту Арвандро[5] Даҷла хон.

Дигар[6] манзил он шоҳи озодмард
Лаби Даҷлаву шаҳри Бағдод кард.

Чу омад ба наздики Арвандрӯд,[7]
Фиристод зӣ рӯдбонон[8] дуруд,

Ки киштиву заврақ ҳам андар шитоб
Гузоред яксар бар ин рӯи об.

1. Л – яке гом нанҳод пеш.
2. Л – б. 322, 323 нест.
3. Л – Арванд.
4. И – Ниҳоданд яксар ба Арванд.
5. ИЛ – Аврандро.
6. ИЛ – сеюм.
7. ИЛ – Аврандрӯд.
8. И – рудпоён.

www.sattor.com

Бад-он тозиён гуфт пирӯз шоҳ,
Ки «Киштӣ барафкан ҳам акнун ба роҳ.[1]

Маро бо сипоҳам бад-он сӯ расон,
Аз инҳо якеро бад-ин сӯ намон.»

Наёвард киштӣ нигаҳбони рӯд,
Наёмад ба гуфти Фаридун фуруд.

Чунин дод посух, ки «Шоҳи ҷаҳон
Чунин гуфт бо ман сухан дар ниҳон,

Маро гуфт, киштӣ марон, то нахуст
Ҷавозе биёбӣ ба мӯҳрам дуруст».

Фаридун чу бишнид, шуд хашмнок,
Аз он жарфдарё наёмад-ш бок.

Ба тундӣ миёни каёнӣ бубаст,
Бар он бораи шердил барнишаст.

Сараш тез шуд кинаву ҷангро,
Ба он - андар афканд гулрангро.

Бубастанд ёрон-ш яксар камар,
Ҳам эдун ба дарё ниҳоданд сар.

Бар он бодпоёни боофарин
Ба об - андарун ғарқа карданд зин.

Сари саркашон андаромад ба хоб
Зи тозидани бодпоён ба об.

Ба об - андарун тан, баровард ёл,
Чунон чун шаби тира бози хаёл.[2]

Ба хушкӣ расиданд, сар кинаҷӯй
Ба Байтулмуқаддас ниҳоданд рӯй.

1. И – б.329 нест.
2. Л – б. 340 нест.

www.sattor.com

Чу бар[1] паҳлавонӣ забон ронданд,
Ҳаме Ганги Дижҳӯхташ[2] хонданд.

Ба тозӣ кунун «Хонаи пок» хон,
Бароварда айвони Заҳҳок дон.

Чу аз дашт наздики шаҳр омаданд,
Аз ин шаҳр ҷӯяндабаҳр омаданд.

Зи як мил кард Офаридун нигоҳ.
Яке кох дид андар он шаҳр шоҳ,

Ки айвон-ш бартар зи кайвон намуд,
Ту гуфтӣ ситора бихоҳад рабуд.[3]

Фурӯзанда чун муштарӣ бар сипеҳр,
Ҳама ҷои шодиву орому меҳр.

Бидонист, к-он хонаи аждаҳост,
Ки ҷои бузургиву ҷои баҳост.

Ба ёрон-ш гуфт: «Он ки з-ин тирахок
Барорад чунин ҷо баланд аз мағок,

Битарсам ҳаме он ки бе ӯ ҷаҳон
Яке роз дорад магар дар ниҳон.

Ҳамон беҳ, ки моро бар ин ҷои ҷанг[4]
Шитобидан ояд ба ҷои диранг».

Бигуфту ба гурзи гарон даст бурд,
Инон бораи тезтакро супурд.

Ту гуфтӣ, яке оташе шуд[5] дуруст,[6]
Ки пеши нигаҳбони айвон бируст.[7]

1. И – Абар.
2. И – Ҳаме як ба як мидҳаташ.
3. Л – бихоҳад бисуд.
4. Л – Набояд, ки моро дар ин ҷой ҷанг.
5. Л – Магар оташ астӣ.
6. И – андар аст.
7. И – бираст.

www.sattor.com

Гарон гурз бардошт аз пеши зин,
Ту гуфтӣ, ҳаме дарнавардад[1] замин.

Ба асп - андар омад ба кохи бузург
Ҷаҳонносипарда ҷавони сутург.

Кас аз рӯзбонон ба дар-бар намонд.
Фаридун ҷаҳонофаринро бихонд.

ДИДАНИ ФАРИДУН ХОҲАРОНИ[2] ҶАМШЕДРО

Тилисме, ки Заҳҳок созида[3] буд,
Сараш б-осмон - бар фарозида[4] буд,

Фаридун зи боло фуруд оварид,
Ки он ҷуз ба номи ҷаҳондор дид.

Яке гурзаи говпайкар[5] сараш
Задӣ, ҳар кӣ омад ҳаме дар[6] бараш.[7]

В-аз он ҷодувон, к-андар айвон буданд,
Ҳама номвар наррадевон буданд.[8]

Сароншон ба гурзи гарон кард паст,
Нишаст аз бари гоҳи ҷодупараст.

Ниҳода[9] бари тахти Заҳҳок пой,
Кулоҳи каӣ ҷусту[10] бигрифт ҷой.

Зи ҳар сӯ ба айвони ӯ бингарид,
Нишоне аз ӯ ҳеч гуна надид.[11]

1. ИЛ – бирнавардад.
2. Ж - духтарони
3. ИЛ – созанда.
4. ИЛ – бар фарозанда.
5. ИЛ – говсар.
6. И – ӯ омадӣ ҳам.
7. Л – б. 359 нест.
8. И – б. 360 нест.
9. ИЛ – Ниҳод аз.
10. ИЛ – Ба пирӯзиву рой.
11. Л – б. 363 нест.

www.sattor.com

Бурун оварид аз шабистони ӯй
Бутони сияҳчашми[1] хуршедрӯй.

Бифармуд шустан таноншон нахуст,
Равоншон пас аз тирагиҳо бишуст.

Раҳи довари пок бинмудашон,
Зи олудагиҳо биполудашон,[2]

Ки парвардаи бутпарастон буданд,
Саросема бар сони мастон буданд.

Пас, он хоҳарони ҷаҳондор Ҷам,
Зи наргис гули сурхро дода нам.

Кушоданд бар Офаридун сухан,
Ки «Нав[3] бош, то ҳаст гетӣ куҳан.

Чӣ ахтар буд ин аз ту, эй некбахт,
Чӣ борӣ? Зи шохи кадомин дарахт?

Ки эдун ба болини шер омадӣ,
Ситамгора марди далер омадӣ?

Чӣ моя кашидем ранҷу бало
Аз ин аҳриманкеши[4] дӯшаждаҳо.

Чӣ моя ҷаҳон гашт бар мо ба бад
Зи кирдори ин ҷодуи камхирад.

Надидем кас, к-инчунин заҳра дошт,
Бад-ин ҷойгаҳ аз ҳунар баҳра дошт.

К-аш андешаи гоҳи ӯ омадӣ,
В-агар-ш орзу ҷоҳи ӯ омадӣ!»

Чунин дод посух Фаридун, ки «Тахт
Намонад ба кас ҷовидона, на бахт.

1. И – сияҳмӯи.
2. И – Аз олудагӣ низ полудашон.
3. И – ту.
4. И – Зи ин аҳриманикеши.

www.sattor.com

Манам пури он некбахт[1] Обтин,
Ки Заҳҳок бигрифт аз Эронзамин.

Бикушташ ба зориву ман киначӯй
Ниҳодам сӯи тахти Заҳҳок рӯй.

Ҳамон гови Бармоя, к-ам доя буд,
Зи пайкар танаш ҳамчу пероя буд.

Зи хуни чунин безабон чорпой
Чӣ омад бар он марди нопокрой?

Камар бастаам, лоҷарам ҷангҷӯй,
Аз Эрон ба кин андароварда рӯй.

Сарашро бад-ин гурзаи говчеҳр
Бикӯбам, на бахшоиш орам, на меҳр».

Суханҳо[2] чу бишнид з-ӯ Арнавоз,
Кушода шудаш бар дили пок роз.

Бад-ӯ гуфт: «Шоҳ Офаридун туӣ,
Ки вайрон кунӣ тунбалу ҷодуӣ?[3]

Куҷо ҳуши Заҳҳок бар дасти туст,
Кушоди ҷаҳон аз[4] камарбасти туст.

Зи тухми каён мо ду пӯшида пок,
Шуда ром бо ӯ зи бими ҳалок.

Ҳаме хуфтану хост бо ҷуфти мор
Чӣ гуна тавон бурдан, эй шаҳрёр?!»

Фаридун чунин посух овард боз,
Ки «Гар чарх додам диҳад аз фароз,[5]

---

1. И – некдил; Л – некмард.
2. И – Суханро.
3. И – пас аз б. 384 ин б. омада:
   Туро покдодор бар пой кард,
   Бад-он, то барорӣ аз ин мард гард.
4. ИЛ – Кушоиш ҷаҳонро.
5. ИЛ – ба болои чархро нест роз.

www.sattor.com

Бибуррам паи аждаҳоро зи хок,
Бишӯям ҷаҳонро зи нопок[1] пок!

Бибояд шуморо кунун гуфт рост,
Ки он бебаҳо[2] аждаҳофаш куҷост?»

Бар ӯ хубрӯён кушоданд роз,
Магар аждаҳоро сар омад ба гоз.

Бигуфтанд, к-«Ӯ сӯи Ҳиндустон
Бишуд, то кунад банд[3] ҷодуситон.[4]

Бибуррад сари бегуноҳон ҳазор,
Ҳаросон шудаст аз бади рӯзгор.

Куҷо гуфта будаш яке пешбин,
Ки пардахта монад зи ту ин замин.

Фаридун бигирад сари тахти ту,
Ҳам эдун фурӯ пажмурад бахти ту.

Дилаш з-он[5] зада фол пуроташ аст,
Ҳамон зиндагонӣ бар ӯ нох(в)аш аст.

Ҳаме хуни дому даду марду зан
Бигирад, кунад дар яке обзан.

Магар, к-ӯ сару тан бишӯяд ба хун,
Шавад гуфти[6] ахтаршиносон нагун.

---

1. ИЛ – шуморо сар аз гард.
2. И – бехирад.
3. И – банду.
4. И – пас аз б. 393 ин б. омада:

   Зи бимат яке тунбал орад ба даст,
   Магар з-он тавонад зи банди ту раст,
   Зи ҳавли ту рӯзу шаб андар ҳарос
   Ҳаме бошад, эй шоҳи некӯшинос.

5. И – то.
6. ИЛ – фоли.

www.sattor.com

Ҳамон[1] низ з-он[2] морҳо бар ду кифт
Ба[3] ранҷи дароз аст, монда шигифт,

Аз ин кишвар ояд, ба дигар шавад,
Зи ранҷи ду мори сияҳ нағнавад.

Биёмад кунун гоҳи[4] боз омадан-ш,
Ки ҷое набошад фаровон будан-ш.»

Кушод он нигори ҷигархаста роз,
Ниҳода бад-ӯ гӯш гарданфароз.

ДОСТОНИ ФАРИДУН БО ВАКИЛИ ЗАҲҲОК

Чу кишвар зи Заҳҳок будӣ тиҳӣ,
Яке моявар буд ба сони раҳӣ,

Ки ӯ доштӣ тахту ганҷу сарой,
Шигифте ба дилсӯзагӣ кадхудой.

Варо Кундрав хонандӣ ба ном,
Ба кундӣ задӣ пеши бедод гом.

Ба кох андаромад давон Кундрав,
Дар айвон яке тоҷвар дид нав.

Нишаста ба ором дар пешгоҳ,
Чу сарви баланд аз бараш гирдмоҳ.

Зи як даст сарви саҳӣ Шаҳрноз,
Зи дасти дигар моҳрӯй Арнавоз.

Ҳама шаҳр яксар пур аз лашкараш,
Камарбастагон саф зада бар дараш.

На осема гашту на пурсид роз,
Ниёишкунон рафту бурдаш намоз.

1. И- Чунон.
2. Л – Ҳама беш аз он.
3. И – Зи.
4. И – Ки омад кунун вақти.

www.sattor.com

Бар ӯ[1] офарин кард, к-«Эй шаҳрёр,
Ҳамеша бизӣ, то бувад рӯзгор.

Хуҷаста нишастӣ ту бо фарраҳӣ,
Ки ҳастӣ сазовори шоҳаншаҳӣ.

Ҷаҳон, ҳафт кишвар, туро банда бод,
Сарат бартар аз абри боранда бод!»

Фаридун бифармуд, то рафт пеш,
Бигуфт ошкоро ҳама рози хеш.

Бифармуд шоҳи диловар[2] бад-ӯй,
Ки «Рав, олати базми[3] шоҳӣ биҷӯй.

Набиз ору ромишгаронро бихон,
Бипаймой ҷому биёрой хон!

Касе к-ӯ ба ромиш сазои ман аст,
Ба базм – андарун дилкушои[4] ман аст,

Биёр, анҷуман кун бари тахти ман,
Чунон чун бувад дархури бахти ман».

Суханҳо чу бишнид з-ӯ Кундрав,
Бикард,ончӣ гуфташ ҷаҳондори нав.

Маи равшан оварду ромишгарон,
Ҳам андархураш богуҳар меҳтарон.

Фаридун чу май хӯрду[5] ромиш гузид,
Шабе кард ҷашне, чунон чун сазид.[6]

---

1. И – Яке.
2. Л – шоҳ Офаридун.
3. ИЛ – тахти.
4. ИЛ – дониш ҳамон дилзидои.
5. ИЛ – диду.
6. Л – пас аз б. 421 ин б. омада:
   Маи нобу овози чангу суруд
   Ҳаме дод мар ошиқонро дуруд.
   Фаридун ба як даст май дилнавоз,
   Ба дасти дигар моҳрух-Арнавоз.
   Нишаста бад-он тахти Заҳҳок-бар,
   Дилаш пур зи кина, пур аз бод сар.

www.sattor.com

Чу шуд бомдодон равон Кундрав,
Бурун омад аз пеши солори нав.

Нишаст аз бари бораи[1] роҳҷӯй,
Сӯи шоҳ Заҳҳок бинҳод рӯй.

Биёмад, чу пеши сипаҳбад расид.
Мар ӯро[2] бигуфт, он чи диду шунид.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй шоҳи гарданкашон,
Зи баргаштани корат омад нишон.

Се марди сарафроз бо лашкаре
Фароз омаданд аз дигар[3] кишваре.

Аз ин се яке кеҳтар андар миён,
Ба болой сарву ба чеҳра каён.

Ба сол аст камтар,[4] фузуниш беш,
Аз он меҳтарон ӯ ниҳад пой пеш.

Яке гурз дорад чу як лахти кӯҳ,
Ҳаметобад андар миёни гурӯҳ.

Ба асп андаромад ба айвони шоҳ,
Ду пурмоя бо ӯ ҳам эдун ба роҳ.

Биёмад, ба тахти каӣ барнишаст,
Ҳама банду найранги ту кард паст.

Ҳар он кас, ки буд андар айвони ту,
Зи мардони марду зи девони[5] ту,

Сар аз бора яксар фурӯ рехтшон,
Ҳаме[6] мағз бо хун баромехтшон».

1. И – тозии.
2. ИЛ – Саросар.
3. ИЛ – Биёмад давон аз дари.
4. ИЛ – кеҳтар.
5. - хешони; Л – гурдону аз наррадевони.
6. И – Ҳамон.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт Заҳҳок: «Шояд будан,
Ки меҳмон бувад, шод бояд будан».

Чунин дод посух варо пешкор,
Ки «Меҳмон або[1] гурзаи говсор[2]

Ба мардӣ нишинад дар ороми ту,
Зи тоҷу камар бистурад номи ту.

Ба оини хеш оварад носипос,
Чунин гар ту меҳмон шиносӣ, шинос!»

Бад-ӯ гуфт Заҳҳок: «Чандин манол,
Ки меҳмони густох беҳтар ба фол».

Чунин дод посух бад-ӯ Кундрав,
Ки «Оре, шунидам, ту посух шунав.

Гар ин номвар ҳаст меҳмони ту,
Чӣ кор асташ андар шабистони ту?

Ки бо хоҳарони ҷаҳондор Ҷам
Нишинад, занад рой бар бешу кам?

Ба як даст гирад рухи Шаҳрноз,
Ба дигар ақиқи лаби Арнавоз.

Шаби тирагун худ батар з-ин кунад,
Ба зери сар аз мушк болин кунад.

Чӣ мушк? Он ду гесӯи ду моҳи ту,
Ки буданд ҳамвора дилхоҳи ту».

Барошуфт Заҳҳок бар сони карг,
Шунид ин сухан, орзу кард марг.

Ба дашноми зишту ба овози сахт
Ба тундӣ[3] бишӯрид бо[4] шӯрбахт.

1. Л – меҳмону бо.
2. ТПЗ – Ба меҳмонат ояд, ту з-ӯ кун ҳазар,
Гузашт ӯ зи меҳмон, нигаҳ дор сар.
3. ИЛ – Шигифте.
4. Л – он.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт: «Ҳаргиз ту дар хони[1] ман
Аз ин пас набошӣ нигаҳбони[2] ман».

Чунин дод посух варо пешкор,
Ки «Эдун гумонам[3] ман, эй шаҳрёр,

К-аз ин пас наёбӣ ту аз бахт[4] баҳр,
Ба ман чун диҳӣ кадхудоии шаҳр?

Чу бебаҳра бошӣ зи гоҳи меҳӣ,
Маро корсозандагӣ чун диҳӣ?

Зи гоҳи бузургӣ чу мӯй аз хамир
Бурун омадӣ, меҳтаро, чора гир![5]

Чаро барнасозӣ ҳаме кори хеш,
Ки ҳаргиз наёмад чунин кор пеш.»

БАНД КАРДАНИ ФАРИДУН ЗАҲҲОКРО

Ҷаҳондор Заҳҳок аз он гуфтугӯй
Ба ҷӯш омаду тез[6] бинҳод рӯй.

Бифармуд, то барниҳоданд зин
Бар он роҳпӯёни[7] борикбин.

Биёмад дамон бо сипоҳи гарон,
Ҳама наррадевону ҷанговарон.

Зи бероҳ мар кохро бому дар
Гирифту ба кин андаровард сар.

---

1. И – кори.
2. И – дигар ёри.
3. И – гумони; Л – чунин гумонам.
4. ИЛ – он тахт ҳаргиз наёбӣ ту.
5. И – б. 451 нест;
   ТПЗ – Туро душман омад, ба гоҳат нишаст,
   Яке гурзаи говпайкар ба даст
   Ҳама банду найранги Аржанг бурд,
   Дилором бигрифту гоҳат супурд.
6. ИЛ – зуд.
7. ИЛ – Бад он бодпоёни.

www.sattor.com

Сипоҳи Фаридун чу огаҳ шуданд,
Ҳама сӯи он роҳи бераҳ шуданд.

Зи аспони ҷангӣ фурӯ рехтанд,
Дар он ҷои тангӣ баровехтанд.

Ба ҳар[1] бому дар мардуми шаҳр буд,
Касе к-аш зи ҷанговарӣ баҳр буд,

Ҳама дар ҳавои Фаридун буданд,
Ки аз ҷаври[2] Заҳҳок пурхун буданд.

Зи деворҳо хишту аз бом санг,
Ба кӯй - андарун теғу тири ҳаданг

Биборид чун жола з-абри сиёҳ,
Касеро[3] набуд бар замин ҷойгоҳ.[4]

Ба шаҳр - андарун ҳар кӣ барно буданд,
Чу пирон, ки дар ҷанг доно буданд,

Сӯи лашкари Офаридун шуданд,
Зи найранги Заҳҳок берун шуданд.

Зи овози гурдон битӯфид кӯҳ,
Замин шуд зи наъли сутурон сутӯҳ.

Ба сар-бар зи гарди сияҳ абр баст,
Ба найза дили санги хоро бихаст.[5]

Хурӯше баромад зи оташкада,
Ки бар тахт агар шоҳ бошад дада,

Ҳама пиру барнош фармон барем,
Якояк зи гуфтори[6] ӯ нагзарем.

1. ИЛ – Ҳама.
2. ИЛ – дарди.
3. Л – Паеро; И – Ки пайдо.
4. Л – низ роҳ.
5. ИЛ – б. 465, 466 нест.
6. И – фармони.

www.sattor.com

Нахоҳем бар гоҳ Заҳҳокро,
Мар он аждаҳодӯши нопокро.

Сипоҳиву шаҳрӣ ба кирдори кӯҳ,
Саросар ба ҷанг - андарун ҳамгурӯҳ.

Аз он шаҳри равшан яке тира гард[1]
Баромад, ки хуршед шуд лоҷвард.[2]

Ҳам[3] аз рашк Заҳҳок шуд чораҷӯй,
Зи лашкар сӯи хок бинҳод рӯй.

Ба оҳан саросар бипӯшид тан,
Бад-он то надонад кас аз анҷуман.

Баромад якояк ба кохи[4] баланд,
Ба даст[5] - андарун шасти ёзикаманд.

Бидид он сияҳ наргиси Шаҳрноз,[6]
Пур аз ҷодуӣ бо Фаридун ба ноз.[7]

Ду рухсора рӯзу ду зулфаш чу шаб,
Кушода ба нафрини Заҳҳок лаб.

Бидонист, к-он кор ҳаст эзадӣ,
Раҳоӣ наёбад зи дасти бадӣ.

Ба мағз - андараш оташи рашк хост,
Ба айвон каманд андарафканд рост.

На аз тахт ёду на ҷон арҷманд,
Фуруд омад аз боми кохи баланд.

Ҳамон тезханҷар[8] кашид аз ниём,
На бикшод розу на баргуфт ном.

1. И – хок.
2. И – Баромад, ки гум гашт хуршед пок.
3. И – Пас.
4. Л – бар он боми.
5. Л – ба чанг.
6. И – Арнавоз.
7. И – роз.
8. И – Ниҳон тира ханҷар.

www.sattor.com

Ба чанг - андараш обгун дашна буд,
Ба хуни[1] паричеҳрагон ташна буд.

Зи боло чу пай бар замин барниҳод,
Биёмад Фаридун ба кирдори бод.

Бад-он гурзаи говсар даст бурд,
Бизад бар сараш,[2] таркро кард[3] хурд.

Биёмад суруши хуҷаста дамон,
«Мазан, - гуфт, к-ӯро наёмад замон.

Ҳам эдун шикаста бубандаш чу санг,
Бубар, то ду кӯҳ оядат пеш танг.

Ба кӯҳ - андарун беҳ бувад банди ӯй,
Наёяд бараш хешу пайванди ӯй».

Фаридун чу бишнид, н-осуд дер,
Каманде биёрост[4] аз чарми шер.

Ба банде бубасташ ду дасту миён,
Ки накшояд он банд пили[5] жиён.

Нишаст аз бари тахти заррини ӯй,
Бияфканд нохуб оини ӯй.

Бифармуд кардан ба дар - бар хурӯш,
Ки «Эй номдорони бофарру ҳуш,[6]

Набояд, ки бошед бо сози ҷанг,
На з-ин[7] бора ҷӯяд касе ному нанг.

Сипоҳӣ набояд, ки бо пешавар
Ба як рӯй ҷӯянд ҳарду ҳунар,

1. И – ҷони.
2. И – бар сару.
3. Л – тарк бишкаст.
4. Л – бар ороcт.
5. Л – шери; И – ӯ жандапили.
6. ИЛ – бисёрхуш.
7. Л – ин.

www.sattor.com

Яке корварзу дигар гурздор,
Сазовори ҳар кас падид аст кор.

Чу ин кори он[1] ҷӯяд, он[2] кори ин,
Пурошӯб гардад саросар замин.

Ба банд - андар аст, он ки нопок буд,
Ҷаҳонро зи кирдори ӯ бок буд.

Шумо дер монеду хуррам буед,
Ба ромиш сӯи варзиши худ шавед!»[3]

Шуниданд мардум суханҳои шоҳ
Аз он пурҳунар марди бодастгоҳ.[4]

В-аз он пас ҳама номдорони шаҳр
Касеро, ки буд аз зару ганҷ[5] баҳр,

Бирафтанд бо ромишу хоста,
Ҳама дил ба фармонаш ороста.

Фаридуни фарзона бинвохтшон,
Зи роҳи хирад[6] пойгаҳ сохтшон.

Ҳама[7] пандашон доду кард офарин,
Ҳаме ёд кард аз ҷаҳонофарин.

Ҳаме гуфт, к-«Ин ҷойгоҳи ман аст,
Ба фол ахтари буматон[8] равшан аст,[9]

Ки Яздони пок аз миёни гурӯҳ
Барангехт[10] моро зи Албурзкӯҳ

1. Л - ӯ
2. Л – ӯ.
3. И – давед.
4. Л – б. 496 нест; И – б. 497 нест.
5. Л – Касе к-аш буд аз ганҷу аз ном.
6. ИЛ - сазо.
7. ИЛ – Ҳаме.
8. И – бумашон.
9. Л – б. 502 нест.
10. И – Биёвард.

www.sattor.com

Бад-он то ҷаҳон аз бади аждаҳо
Ба фарри ман ояд шуморо[1] раҳо.

Чу бахшоиш овард некидиҳаш,
Ба некӣ бибояд супурдан раҳаш.

Манам кадхудои ҷаҳон сар ба сар
Набояд[2] нишастан[3] ба як ҷой-бар.

В-агарна ман эдар ҳаме будаме,
Басе бо шумо рӯз[4] паймудаме.»

Меҳон пеши ӯ хок доданд бӯс,
Зи даргоҳ бархост овои кӯс.

Ҳама шаҳр дида ба даргоҳ-бар,
Хурӯшон бар он рӯзи кӯтоҳ-бар,

Ки то аждаҳоро бурун оварид
Ба банди[5] каманде[6], чунон чун сазид,

Дамодам бурун рафт лашкар зи шаҳр,
В-аз он шаҳр ноёфта ҳеч[7] баҳр.

Бибурданд Заҳҳокро баста хор,[8]
Ба пушти ҳаюне[9] барафканда зор.[10]

Ҳаме ронд аз ин гуна то Шерхон,
Ҷаҳонро чу ин бишнавӣ, пир хон.[11]

Басо рӯзгоро, ки дар кӯҳу дашт
Гузаштасту бисёр хоҳад[12] гузашт.

1. Л – фарру ба гурзи ман ояд.
2. Л – Нашояд.
3. И – Нашояд нишасте.
4. ИЛ – сол.
5. И – тундӣ.
6. Л – камандаш.
7. ИЛ – шоҳ ноёфта шаҳр.
8. Л – зор.
9. Л – ҳаюнон.
10. Л – хор.
11. И – б. 513 нест.
12. И – дигар нахоҳад.

www.sattor.com

Бад-он гуна Заҳҳокро баста сахт,[1]
Сӯи Шерхон бурд бедорбахт.[2]

Ҳаме ронд ӯро ба кӯҳ - андарун,
Ҳаме хост, к-орад[3] сарашро нагун.

Биёмад ҳамон гаҳ хуҷаста суруш,
Ба хубӣ[4] яке роз гуфташ ба гӯш,

Ки «Ин бастаро то Дамовандкӯҳ
Бубар ҳамчунин тозиён бегурӯҳ.

Мабар ҷуз касеро, ки нагзирадат,
Ба ҳангоми сахтӣ ба бар гирадат».

Биёвард Заҳҳокро чун наванд,
Ба кӯҳи Дамованд кардаш ба банд.[5]

Чу банде бар он банд бифзуд низ,
Набуд аз бади бахт монида[6] чиз.

Аз ӯ номи Заҳҳок чун хок шуд,
Ҷаҳон аз бади ӯ ҳама пок шуд.

Гусиста шуд аз хешу пайванд ӯй,
Бимонда ба кӯҳ - андарун банд ӯй.[7]

Ба кӯҳ - андарун ҷои тангаш гузид,
Нигаҳ кард ғоре, бунаш нопадид.[8]

Биёвард мисморҳои гарон[9]
Ба ҷое ки мағзаш набуд андар он.

1. Л – даст.
2. Л – чун пили маст.
3. ИЛ – кардан.
4. Л – чарбӣ.
5. И – б. 520 нест.
6. Л – бахти ӯ монда.
7. Л – б. 522, 523 нест.
8. И – б. 521-524 нест.
9. И – мисмори оҳангарон.

www.sattor.com

Фурӯ баст дасташ бад-он кӯҳ боз,
Бад-он, то бимонад ба сахтӣ дароз.

Бимонд ӯ[1] бар ин гуна овехта,
В-аз ӯ хуни дил бар замин рехта.

Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,
Ба кӯшиш ҳама[2] дасти некӣ барем.

Набошад ҳаме неку бад пойдор,
Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор.

Ҳамон ганҷу динору кохи баланд
Нахоҳад будан мар туро судманд.

Сухан монад аз ту[3] ҳаме ёдгор,
Суханро чунин хормоя мадор!

Фаридуни фаррух фаришта набуд,
Зи мушку зи анбар сиришта набуд.

Ба[4] доду диҳиш ёфт он некуӣ,
Ту доду диҳиш кун, Фаридун туӣ.

Фаридун зи коре ки кард эзадӣ,
Нахустин ҷаҳонро бишуст аз бадӣ.

Яке пештар банди[5] Заҳҳок буд,
Ки бедодгар[6] буду нопок буд,

Ва дигар, ки кини падар бозхост,
Ҷаҳон вижа бар хештан кард рост.

Се дигар, ки гетӣ зи нобихрадон
Биполуду бистад зи дасти бадон.

1. ИЛ – Бубасташ.
2. И – дигар.
3. Л – мо.
4. Л – Зи.
5. Л – банди аввал зи.
6. И – нопорсо.

www.sattor.com

Ҷаҳоно, чӣ бадмеҳру бадгавҳарӣ,
Ки худ парварониву худ[1] бишкарӣ,

Нигаҳ кун, куҷо Офаридуни гурд,
Ки аз пир[2] Заҳҳок шоҳӣ[3] бибурд.

Бибуд дар ҷаҳон понсад[4] сол шоҳ,
Ба охир шуду монд аз ӯ ҷойгоҳ.[5]

Бирафту ҷаҳон дигареро супурд,
Ба ҷуз ҳасрат аз даҳр чизе набурд.

Чунинем яксар кеҳу меҳ ҳама,
Ту хоҳӣ шубон бош, хоҳӣ рама.

ФАРИДУН

Подшоҳии Фаридун понсад сол буд

БАР ТАХТ НИШАСТАНИ ФАРИДУН

Фаридун чу[6] шуд бар ҷаҳон комгор,
Надонист ҷуз хештан шаҳрёр.

Ба расми каён тоҷу тахти меҳӣ
Биёрост бо кохи шоҳаншаҳӣ.

Ба рӯзи хуҷаста сари меҳру моҳ
Ба сар барниҳод он каёнӣ кулоҳ.[7]

Замона беандӯҳ гашт аз бадӣ,
Гирифтанд ҳар як[8] раҳи эзадӣ.

---

1. Л – парваридаи хешро.
2. Л – тухми.
3. И – аз пеши Заҳҳок мулкат.
4. Л – Буд андар ҷаҳон панҷсад.
5. Л – Ба фарҷом рафту ба ҷо монд гоҳ.
6. Л – ки.
7. Л – б. 3 нест.
8. ИЛ – кас.

www.sattor.com

Дил аз довариҳо бипардохтанд,
Ба оини кай[1] ҷашни нав[2] сохтанд.

Нишастанд фарзонагон шодком,
Гирифтанд ҳар як зи ёқут ҷом,

Маи равшану чеҳраи шоҳи нав,
Ҷаҳон гашт равшан сари моҳи нав.

Бифармуд, то оташ афрӯхтанд,
Ҳама анбару заъфарон сӯхтанд.[3]

Парастидани Меҳргон дини ӯст,
Таносониву хӯрдан оини ӯст.

Кунун[4] ёдгор аст аз ӯ моҳи Меҳр,
Бикӯшу ба ранҷ эч манмой чеҳр.

Варо буд ҷаҳон солиён понсад,
Ки нафканд як рӯз бунёди бад.

Ҷаҳон чун бар ӯ барнамонд, эй писар,
Ту низ оз мапрасту[5] андӯҳ мах(в)ар.

Намонад, чунин дон, ҷаҳон бар касе,
Дар ӯ шодкомӣ наёбӣ басе.[6]

Фаронак на огоҳ буд з-ин ниҳон,
Ки фарзанди ӯ шоҳ шуд бар ҷаҳон.

Зи Заҳҳок шуд тахти шоҳӣ тиҳӣ,
Сар омад бар ӯ рӯзгори меҳӣ.[7]

Пас огоҳӣ омад зи фаррухписар
Ба модар, ки фарзанд шуд тоҷвар.

1. Л – Ба оини яке.
2. И –ҷашнгоҳ.
3. И – б. 7, 8 нест.
4. Л – Агар.
5. Л – Туро низ ин асту.
6. И – б. 13 нест.
7. И – беҳӣ.

www.sattor.com

Ниёишкунон шуд, сару тан бишуст,
Ба пеши ҷаҳондор омад нахуст.

Ниҳод он сараш паст бар хок-бар,
Ҳаме хонд нафрин ба Заҳҳок-бар.

Ҳаме офарин хонд бар кирдгор,
Бар он шодмон[1] гардиши рӯзгор.

Аз он пас[2] ҳар он кас, ки будаш ниёз,
Ҳаме дошт рӯзи бади хеш роз,

Ниҳонаш наво карду касро нагуфт,
Ҳамон[3] рози ӯ дошт андар нуҳуфт.

Яке[4] ҳафта з-ин гуна бахшид чиз,
Чунон шуд, ки дарвеш нашнохт низ.

Дигар ҳафта мар бамзро кард соз,
Меҳоне, ки буданд гарданфароз.[5]

Биёрост чун бӯстон хони хеш,
Меҳонро ҳама[6] кард меҳмони хеш.

Аз он пас ҳама ганҷи ороста
Фароз оварида,[7] ниҳон[8] хоста.

Дари[9] ганҷҳоро кушодан гирифт,
Ниҳода ҳама, рои додан гирифт.

Кушодан дари ганҷро гоҳ дид,
Дирам хор шуд, чун писар шоҳ дид.

1. Л – Ба дил шод аз.
2. Л – Аз эшон.
3. Л – Ҳаме.
4. Л – Ба як.
5. И – Сари бадраҳои дирам кард боз.
6. Л – ҳаме.
7. И – оваридаш.
8. Л – овариданд аз.
9. Л – Сари.

www.sattor.com

Ҳамон[1] ҷомаву гавҳари шоҳвор,
Ҳамон аспи тозӣ ба заррин узор[2]

Ҳамон ҷавшану хӯду зӯпину теғ,
Кулоҳу камар ҳам[3] набудаш дареғ.

Ҳама хоста бар шутур бор кард,
Дили пок сӯи ҷаҳондор кард.

Фиристод наздики фарзанд чиз,
Забоне пур аз офарин дошт низ.[4]

Чу он хоста дид шоҳи замин,
Бипазруфту бар мом кард офарин.

Бузургони лашкар чу бишнохтанд,
Бари шаҳрёри ҷаҳон тохтанд,

Ки «Эй шоҳи пирӯзу яздоншинос,
Ситоиш[5] мар ӯрову з-ӯят сипос.

Чунин рӯз рӯзат фузун бод бахт,
Бадандешагонро нагун бод бахт![6]

Туро бод пирӯзӣ аз осмон!
Мабодо ба ҷуз доду некӣ гумон!»

В-аз он пас ҷаҳондидагон пеши шоҳ
Зи ҳар гӯшае баргирифтанд роҳ.[7]

Ҳама зарру гавҳар баромехтанд,
Ба тахти[8] сипаҳбад фурӯ рехтанд.[9]

1. ЛМ – Ҳама.
2. Л – зарринфисор.
3. Л – худ.
4. Л – б. 30, 31 нест.
5. Л – Ниёиш.
6. Л – тахт.
7. ИЛ – б. 36, 37 нест.
8. Л – тоҷи.
9. И – ҳамерехтанд.

www.sattor.com

Ҳамон[1] меҳтарон аз ҳама кишвараш[2]
Бад-он хуррамӣ[3] саф зада бар дараш.

Зи Яздон ҳама хонданд[4] офарин
Бар он тоҷу тахту кулоҳу нигин.

Ҳама даст бардошта б-осмон,
Ҳаме хондандӣ ба некӣ[5] гумон,

Ки «Ҷовид бодо чунин рӯзгор!
Барӯманд бодо чунин шаҳрёр!»

В-аз он пас Фаридун ба гирди ҷаҳон
Бигардиду дид ошкору ниҳон.[6]

Ҳар он чиз, к-аз роҳи бедод дид,[7]
Ҳар он буму бар, к-он на обод дид,[8]

Ба некӣ бибаст ӯ дару дасти[9] бад,[10]
Чунон, к-аз раҳи шаҳрёрон[11] сазад.

Биёрост гетӣ ба сони биҳишт,
Ба ҷои гиё сарву гулбун бикишт.

Зи Омул гузар сӯи Таммеша кард.
Нишаст андар он номвар беша кард.

Куҷо, к-аз ҷаҳон Кӯс хонӣ ҳаме,
Ҷуз ин ном низаш надонӣ ҳаме.

---

1. Л – Ҳама.
2. И – меҳтару кеҳтар аз.
3. Л – фарраҳӣ; И – фаррухӣ.
4. ИЛ – ҳамехостанд.
5. Л – Кушода ба некӣ бар ӯ - бар.
6. Л – б. 42-43 нест.
7. ИЛ – буд.
8. ИЛ – буд.
9. Л – бубасташ аз ӯ роҳи.
10. И – Ба доду диҳиш подшаҳ даст зад.
11. И – подшоҳӣ; Л – подшоҳон.

www.sattor.com

ФИРИСТОДАНИ ФАРИДУН ҶАНДАЛРО БА ЯМАН

Зи солаш чу як панҷаҳ андаркашид,[1]
Се фарзандаш омад гиромӣ падид.[2]

Ба бахти ҷаҳондор ҳар се писар
Се фаррухнажод аз дари[3] тоҷи зар.

Ба боло чу сарву ба рух чун баҳор,[4]
Ба ҳар чиз монандаи шаҳрёр.

Аз ин се ду покиза аз Шаҳрноз,
Яке кеҳтар аз хубчеҳр[5] Арнавоз.

Падар низ нокарда аз ноз ном,
Ҳаме пеши пилон ниҳоданд гом.

Аз он пас[6] бад-эшон нигаҳ кард шоҳ,
Ки гаштанд[7] зебои тахту кулоҳ.

Фаридун аз он номдорони хеш
Якеро гаронмоятар хонд[8] пеш,

Куҷо номи ӯ Ҷандали роҳбар,
Ба ҳар кор дилсӯз бар шоҳ-бар.

Бад-ӯ гуфт: «Баргард гирди ҷаҳон,
Се духтар гузин аз нажоди меҳон.

Ба хубӣ сазои се фарзанди ман,
Чунон чун бишоянд пайванди ман.

Падар ном нокарда аз нозашон,
Бад-он то нахонанд б-овозашон[9].

---

1. И – гузашт.
2. И – дашт.
3. Л – аз паи.
4. И – нигор.
5. Л – хубрух.
6. Л – Аз он сон.
7. И – Ки буданд.
8. Л – гаронмоя бархонд.
9. Л – нахонад ба овозашон.

www.sattor.com

Се хоҳар зи як модару як падар,
Паричеҳраву поку хусравгуҳар.

Ба болову дидор ҳар се яке,
Ки инро надонанд аз он андаке».[1]

Чу бишнид Ҷандал зи хусрав сухун,
Яке рои покиза афканд бун,

Ки бедордил буду покизамағз,[2]
Забончарбу шоистаи кори нағз.

Зи пеши сипаҳбад бурун шуд ба роҳ
Або чанд тан мар варо некхоҳ.[3]

Якояк зи Эрон сар андаркашид,
Пижӯҳиду ҳар гуна гуфту шунид.

Ба ҳар кишваре, к-аз ҷаҳон меҳтаре
Ба парда - дарун доштӣ духтаре,

Нуҳуфта биҷустӣ ҳама розашон,
Шунидӣ ҳама ному овозашон.

Зи деҳқони пурмоя касро надид,
Ки пайвастани Офаридун сазид.

Хирадманду равшандилу поктан,[4]
Биёмад бари[5] Сарв-шоҳи Яман.

Нишон ёфт Ҷандал мар ӯро дуруст,
Се духтар чунон чун Фаридун биҷуст.

Хиромон биёмад ба наздики Сарв,
Ба шодӣ чу пеши гул ояд тазарв.[6]

1. ИЛ – б. 61 нест.
2. И – бисёрмағз; Л – бедормағз.
3. ИЛ – б. 64 нест.
4. Л – шодтан.
5. И – сӯи.
6. Л – б. 70, 71 нест.

www.sattor.com

Заминро бибӯсиду пӯзиш намуд,
Бар он меҳтарӣ[1] офарин барфузуд,

Ки «Ҷовид бодо сарафроз шоҳ!
Ҳамеша фурӯзандаи тоҷу гоҳ!»[2]

Ба Ҷандал чунин гуфт шоҳи Яман,
Ки «Бе офаринат мабодо даҳан.

Чӣ пайғом дорӣ, чӣ фармон[3] диҳӣ?
Фиристодаӣ, ё гиромӣ меҳӣ»?[4]

Бад-ӯ гуфт Ҷандал, ки «Хуррам будӣ,
Ҳамеша зи ту дур дасти бадӣ!

Аз Эрон яке кеҳтарам чун шаман,
Паём оварида ба шоҳи Яман.

Дуруди[5] Фаридуни фаррух диҳам,
Сухан ҳарчӣ пурсим,[6] посух диҳам.

Туро офарин аз Фаридуни гурд,
Бузург он касе, к-ӯ надорад-ш хурд.

Маро[7] гуфт, шоҳи Яманро бигӯй,
Ки бар гоҳ то мушк бӯяд,[8] бибӯй.

Ҳамеша тан озод бодат зи ранҷ,
Пароканда ранҷу бароганда ганҷ.[9]

Бидон, эй сари мояи тозиён,
К-аз ахтар бувӣ[10] ҷовидон безиён,

1. ИЛ – кеҳтарӣ.
2. ИЛ – б. 73 нест.
3. Л – посух.
4. Л – аз кадомин раҳӣ?
5. Л – Дуруд аз.
6. ИЛ – пурсӣ ту.
7. Л – Ба ман.
8. Л – бошад.
9. Л – б. 81 нест.
10. И – туӣ.

www.sattor.com

Ки ширинтар аз ҷону фарзанду чиз
Ҳамоно, ки чизе набошад баниз.

Писандидатар кас зи фарзанд нест,
Чу пайванди фарзанд пайванд нест.

Ба се дида андар ҷаҳон гар кас аст,
Се фарзанди моро се дида бас аст.[1]

Гиромитар аз дида онро шинос,
Ки дида ба дидан-ш дорад сипос.»

Чӣ гуфт он хирадманди покизамағз,
Куҷо достон зад зи пайванд нағз,

Ки пайванд касро наёростам,
Магар, к-аш беҳ аз хештан хостам.

Хирадёфта марди некисигол,
Ҳаме дӯстиро биҷӯяд[2] ҳамол.

Чу хуррам ба мардум бувад рӯзгор,
На некӯ бувад бесипаҳ шаҳрёр.

Маро подшоҳии обод ҳаст,
Ҳамон ганҷу мардиву нерӯи даст.[3]

Се фарзанди шоистаи тоҷу гоҳ,
Хирадманду бодонишу дастгоҳ.

Зи ҳар кому ҳар хоста бениёз,
Ба ҳар орзу дасти эшон дароз.

Мар ин се гаронмояро дар нуҳуфт
Бибояд ҳаме шоҳзода се ҷуфт.

Зи корогаҳон огаҳӣ ёфтам,
Бад-ин огаҳӣ тез биштофтам.

1. ИЛ – б. 84, 85 нест.
2. Л – бихонад.
3. Л – ганҷи шоҳиву бунёд ҳаст.

www.sattor.com

Кучо аз паси парда пӯшидарӯй
Се покиза дорӣ ту, эй номҷӯй.

Мар он ҳар серо нӯз[1] нокарда ном,
Чу бишнидам ин, шуд дилам шодком,

Ки мо низ номи се фаррухнажод,
Чу андархур ояд, накардем ёд.

Кунун ин гиромӣ ду гуна гуҳар
Баромехт бояд або якдигар.

Се пӯшидарухро[2] се дайҳимҷӯй
Сазо дар сазо кор[3] бегуфтугӯй.

Фаридун паёмам бар ин гуна дод,
Ту посух гузор,[4] он чӣ ояд-т ёд.

Паёмаш чу бишнид шоҳи Яман,
Бипажмурд чун з-оби ганда саман.

Ба дил[5] гуфт: Чун пеши болини ман
Набинад се моҳ ин ҷаҳонбини ман,

Маро рӯзи равшан шавад тирашаб,
Набояд кушодан ба посух ду лаб.

Кушода бар эшон бувад рози ман,
Ба ҳар кор бошанд анбози ман.

Шитобе набояд ба посух кунун,
Маро чанд роз аст бо раҳнамун.

Фиристодаро ҷойгоҳе гузид,
Пас он гаҳ ба кор-андарун бингарид.

---

1. Л – низ.
2. И – пӯшидарӯю; Л – пӯшидаро бо.
3. И – Ба ҳамсар сазовор; Л – Сазоро сазовор.
4. Л – кун аз.
5. Л – Ҳаме.

www.sattor.com

Биёмад, дари бор додан бубаст,
Ба анбӯҳи андешагон дарнишаст.

Фаровон кас аз дашти найзаварон
Бари хеш хонд озмуда сарон.

Нуҳуфта бурун оварид аз нуҳуфт,
Ҳама розҳо пеши эшон бигуфт,

Ки «Моро зи гетӣ зи пайванди[1] хеш
Се шамъ аст равшан ба дидор пеш.[2]

Фаридун фиристод зӣ ман[3] паём,
Бигустард пешам яке хуб дом.

Ҳаме кард хоҳад зи чашмам[4] ҷудо,
Яке рой хоҳам задан бо шумо.

Фиристода гӯяд, чунин[5] гуфт шоҳ,
Ки моро се шоҳ[6] аст зебои[7] гоҳ,

Гироядаи меҳру пайванди ту,
Ба се рӯйпӯшида фарзанди ту.

Агар гӯям, орею дил з-он тиҳӣ,
Дурӯғ эч*[8] н-андар хурад бо шаҳӣ.[9]

В-агар орзуҳо[10] супорам бад-ӯй,
Шавад дил пуроташ, пур аз об рӯй.[11]

В-агар сар бупечам зи гуфтори ӯй,
Ҳаросон шавад дил зи озори ӯй.

1. Л – се фарзанд.
2. Л – зи дидор беш.
3. Л – зӣ мон.
4. ИЛ – пешам.
5. И – ҳаме.
6. И – мох.
7. ИЛ – бо тоҷу.
8. М - он
9. Л – Дурӯғе на андархурад бо меҳӣ.
10. Л- орзуро.
11. Л – Шавад дил-ш пуроташу гуфтугӯй.

www.sattor.com

Касе к-ӯ бувад шаҳрёри замин,
На бозист[1] бо ӯ сиголид кин.

Шунид он сухан мардуми роҳҷӯй,
Ки Заҳҳокро з-ӯ чӣ омад ба рӯй.

Аз ин дар сухан[2] ҳарчитон аст ёд,
Саросар ба ман-бар бибояд кушод».

Ҷаҳонозмуда диловар сарон[3]
Кушоданд як-як[4] ба посух забон,

Ки «Мо ҳамгинон ин набинем рой,
Ки ҳар бодро ту биҷунбӣ зи ҷой.

Агар шуд Фаридун чунин шаҳрёр,[5]
На мо бандагонем бо гӯшвор.

Сухан гуфтану ранҷиш оини мост,
Инону синон тофтан дини мост.

Ба ханҷар заминро маистон кунем,
Ба найза ҳаворо наистон кунем.

Се фарзанд гар бар ту аст арҷманд,
Дари ганҷ[6] букшову лабро бибанд.

В-агар чорае кард[7] хоҳӣ ҳаме,
Битарсӣ аз ин подшоҳӣ ҳаме,

Аз ӯ орзуҳои пурмоя ҷӯй,
Ки кирдори ӯро[8] набинанд рӯй».

1. ИЛ – Ба ранҷ аст.
2. И – достон.
3. И – гавон.
4. И – яксар.
5. Л – ҷаҳоншаҳриёр.
6. Л – Сари бадра.
7. Л – ёр.
8. И – Онро.

www.sattor.com

Чу бишнид аз он кордонон сухун,
На сар дид онро ба гетӣ, на[1] бун.

ПОСУХ ДОДАНИ ШОҲИ ЯМАН ҶАНДАЛРО

Фиристодаи шоҳро пеш хонд,
Фаровон суханро[2] ба хубӣ[3] биронд,

Ки «Ман шаҳрёри туро кеҳтарам,
Ба ҳар-ч ӯ[4] бифармуд, фармон барам.

Бигӯяш, ки гарчи ту ҳастӣ баланд,
Се фарзанди ту бар ту ҳаст арҷманд.

Писар худ гиромӣ бувад шоҳро,
Бавижа, ки зебо бувад гоҳро.

Сухан ҳарчӣ гуфтӣ, пазирам ҳаме,
Зи фарзанд[5] андоза гирам ҳаме.

Агар подшо дида хоҳад зи ман,
В-агар дашти гурдону тахти Яман,

Маро хортар з-он ки фарзанди хеш
Набинам ба ҳангоми боист пеш.

Пас, ар[6] шоҳро инчунин аст ком,
Нашояд задан ҷуз ба фармон-ш гом.

Ба фармони шоҳ ин се фарзанди ман
Бурун он гаҳ ояд зи пайванди ман,

Куҷо ман бубинам се шоҳи туро,
Фурӯзандаи тоҷу гоҳи туро.

1. Л – дид кинрову на низ.
2. Л – суханҳо.
3. И – чарбӣ.
4. Л – Ба ҳар ч-ам.
5. ИЛ – духтар ман.
6. ИЛ – Агар.

www.sattor.com

Биёянд шодон ба[1] наздики ман,
Шавад равшан ин ҷони торики ман.

Шавад шодмон дил зи[2] дидорашон,
Бибинам равонҳои бедорашон.

Пас он гаҳ се равшан ҷаҳонбини ман,[3]
Бад-эшон супорам ба оини ман.[4]

Чу бинам[5]*[6] кишон дил[7] пур аз дод ҳаст,
Ба зинҳорашон даст гирам ба даст.

Гар ояд ба дидори эшон ниёз,
Фиристам сабукшон бари[8] шоҳ боз».

Сароянда Ҷандал чу посух шунид,
Бибӯсид тахташ, чунон чун сазид.

Пур аз офарин лаб зи айвони ӯй
Сӯи шаҳрёри ҷаҳон кард рӯй.

Биёмад, чу назди Фаридун расид,
Бигуфт, он куҷо гуфту посух шунид.[9]

Се фарзандро хонд шоҳи ҷаҳон,
Нуҳуфта бурун оварид аз ниҳон.

Аз он рафтани Ҷандалу[10] рои хеш
Суханҳо ҳама пок бинҳод пеш.

1. ИЛ – Ба шодӣ биёянд.
2. Л – ба.
3. Л – хеш.
4. Л – Супорам бад-эшон ба оини хеш.
5. И – Бубинам.
6. М – Бубинам.
7. Л – Бубинам, ки дилшон.
8. И – сӯи.
9. И – Биёмад, бари Офаридун расид,
   Ба гуфтори ӯ гуфту посух шунид.
10. Л – Зи пӯянда Ҷандал ҳам аз.

www.sattor.com

Чунин гуфт, к - «Ин[1] шаҳрёри Яман
Сари анҷуман, Сарви сояфикан.

Зи[2] носуфтагавҳар се духтар-ш буд,
Набудаш писар, духтар афсар-ш буд.

Суруш ар биёбад чу эшон арӯс,
Магар пеши ҳар се диҳад[3] хок бӯс.

Зи баҳри шумо аз падар хостам,
Суханҳои боиста оростам.

Кунунтон бибояд бари ӯ шудан,
Зи ҳар бешу кам рои фаррух задан.

Сароянда бошеду бисёрҳуш,[4]
Ба гуфтори ӯ барниҳода ду гӯш.

Ба чарбӣ[5] суханҳош посух диҳед,
Чу пурсад сухан,[6] рои фаррух ниҳед.[7]

Азеро, ки парвардаи подшо
Набояд, ки бошад магар порсо.

Сухангӯю равшандилу покдин,
Ба коре ки пеш оядаш, пешбин.[8]

Забон ростиро биёроста,
Хирад хоста, ганҷ нохоста.[9]

Шумо ҳарчӣ гӯям, зи ман бишнавед,
Агар кор бандед, хуррам бувед.[10]

---

1. И – пас.
2. ИЛ – Чу.
3. Л – Диҳад бар бари ҳар яке.
4. И – бедорҳуш.
5. Л – Чу пурсад.
6. Л – Бари ӯ ҳама.
7. И – диҳед.
8. Л – б. 157, 159 нест.
9. ИЛ – карда бархоста.
10. ИЛ – шавед.

www.sattor.com

Яке жарфбин аст шоҳи Яман,
Ки чун ӯ набошад ба ҳар анҷуман.

Сухангӯю равшандилу поктан,
Сазои ситудан ба ҳар анҷуман.[1]

Ҳамаш ганҷи бисёру ҳам лашкар аст,
Ҳамаш донишу рою ҳам афсар аст.

Набояд, ки ёбад шуморо забун,
Ба кор оварад марди доно фусун.

Ба рӯзи нахустин яке базмгоҳ
Бисозад, шуморо диҳад пешгоҳ.

Се хуршедрухро чу боғи баҳор
Биёрад пур аз бӯю рангу нигор.

Нишонад бар он тахти шоҳаншаҳӣ
Се хуршедрухро чу[2] сарви саҳӣ.

Ба болову дидор ҳар се яке,
Ки аз маҳ надонанд боз андаке.

Аз ин[3] ҳар се кеҳтар бувад пешрав,
Меҳин аз пасу дар миён моҳи нав.

Нишинад кеҳин назди меҳтарписар,
Меҳин боз назди кеҳин тоҷвар.

Миёна нишинад ҳам андар миён,
Бидон, к-ат зи дониш наёяд зиён.

Бипурсад шуморо, к-аз ин се ҳамол
Кадомин шиносед меҳтар ба сол.

Миёна кадом асту кеҳтар кадом,
Бибояд бад-ин гунашон бурд ном.

1. Л – б. 163 нест.
2. И – хуршедро бо се.
3. ИЛ – он.

www.sattor.com

Бигӯед, к-он бартарин кеҳтар аст,
Меҳинро нишастан на андарх(в)ар аст.

Миёна худ андар миён аст рост,
Биёмад[1] туро кору[2] пайкор кост».[3]

Гаронмояву[4] пок ҳар се писар
Ҳама дил ниҳода ба гуфти падар.

Зи пеши Фаридун бурун омаданд,
Пур аз донишу пурфусун омаданд.

Ба ҷуз рою дониш чӣ андарх(в)арад
Писарро, ки чунон[5] падар парварад.[6]

РАФТАНИ ПИСАРОНИ ФАРИДУН НАЗДИ ШОҲИ ЯМАН

Бирафтанду ҳар се биёростанд,[7]
Або хештан мӯбадон[8] хостанд[9]

Кашиданд бо лашкари чун сипеҳр
Ҳама номдорони хуршедчеҳр.

Чу аз омаданшон шуд огоҳ Сарв,
Биёрост лашкар чу парри[10] тазарв.

---

1. Л – Барояд.
2. И – кому.
3. ТПЗ – Бар ин гуна ронед яксар сухан
   Зи хуршедрӯёни сарви чаман.
   Бад-ин гуфтаниҳои ман бигравед,
   Ҳам ин розҳои маро бишнавед.
   Ки фарҳангатон ҳасту арҷи ҳунар,
   Бидонед инро ҳама дар ба дар.
4. И – Гаронмоягон; Л – Гаронмояи.
5. Л – чун худ.
6. ТП – Сӯи хона рафтанд ҳар се чу бод,
   Шаб омад, бихуфтанд пирӯзу шод.
7. Л – Ба рафтан чу ҳар се бароростанд.
8. И – бихрадон.
9. ТПЗ – Чу хуршед зад акс бар осмон,
   Пароканда бар лоҷвард арғавон.
10. Л – ба сони.

www.sattor.com

Фиристодашон лашкари гашн пеш,
Чи бегона фарзонагону чи хеш.

Шуданд ин се пурмоя андар[1] Яман,
Бурун омаданд аз Яман марду зан.

Ҳама гавҳару[2] заъфарон рехтанд,
Ҳама мушк бо май баромехтанд.

Ҳама ёли аспон пур аз мушку май,
Пароканда динор[3] дар зери пай.

Яке кох ороста чун биҳишт,
Ҳама аз зару сим афканда[4] хишт.

Ба дебои румӣ биёроста,
Чӣ моя, бад-ӯ-андарун хоста.

Фуруд оварид андар он кохашон,
Чу шаб рӯз шуд, кард густохашон.

Се духтар чунон чун Фаридун бигуфт,
Сипаҳбад бурун оварид аз нуҳуфт.

Ба дидор ҳар се чу тобанда моҳ,
Нашоист кардан бад-эшон нигоҳ.

Нишастанд ҳар се бар он ҳамнишон,
Ки гуфташ[5] Фаридун ба гарданкашон.

Аз ин се гаронмоя пурсид меҳ,[6]
К-«Аз ин се ситора[7] кадом аст кеҳ?[8]

1. Л – он сипоҳ андаруни; И – он се барно ба андар.
2. Л – анбару.
3. И – дебо.
4. Л – симу зар андарафганд.
5. И – гуфто.
6. Л – шаҳ.
7. И – гиромӣ.
8. Л – маҳ.

www.sattor.com

Миёна кадом асту меҳтар[1] кадом,
Бибояд бар ин гунатон бурд ном».

Бигуфтанд з-он[2] гуна, к-омӯхтанд,
Сабук чашми найранг бардӯхтанд.

Шигифтӣ фурӯ монд Сарви Яман,
Ҳам эдун далерони он анҷуман.[3]

Бидонист шоҳи гаронмоя зуд,
К-аз омехтан ранг нояд-ш суд.

Чунин гуфт: «Оре, ҳамин аст, зеҳ![4]
Кеҳинро ба кеҳ доду меҳро ба меҳ.[5]

Бад-он гаҳ, ки пайваста шуд корашон,
Ба ҳам даркашиданд[6] бозорашон.

Се афсарвар аз пеши се тоҷвар
Рухоншон пур аз хай зи шарми падар.

Сӯи хона рафтанд бо нозу шарм,
Пур аз ранг рух, лаб пуровози нарм.

АФСУНГАРӢ ОЗМУДАНИ САРВ БАР ПИСАРОНИ ФАРИДУН

Сари тозиён Сарв-шоҳи Яман
Май оварду майхора кард анҷуман.

Ба ромиш биёросту[7] букшод лаб,
Ҳаме хӯрд,[8] то тиратар[9] гашт шаб.

1. Л – кеҳтар.
2. Л – аз он.
3. ИЛ – б. 196 нест.
4. И – к-«Оре, чунин аст беҳ; Л – к-«Оре, ҳамин аст, зеҳ!»
5. Л – Меҳинро ба меҳ доду кеҳро ба кеҳ.
6. Л – барнишонданд; И – даршикастанд.
7. Л – биёрасту.
8. Л – Ҳаме буд.
9. Л – тирагун.

www.sattor.com

Се пури Фаридун се домоди ӯй,[1]
Бихӯрданд май ҳар се[2] бар ёди ӯй.[3]

Бад-он гаҳ ки май чира шуд бар хирад,
Куҷо хобу осоиш андархурад?

Сабук бар сари обгири гулоб
Бифармудашон сохтан ҷои хоб.

Ба полез зери[4] гулафшон дарахт
Бихуфт ин[5] се озодаи некбахт.

Сари тозиён, шоҳи афсунгарон
Яке чора андеша кард андар он.

Бурун омад аз гулшани хусравӣ,
Биёрост ороиши ҷодувӣ.

Баровард сармову боди дамон,
Бад-он[6] то сар орад бар эшон замон.

Чунон шуд, ки бифсурд ҳомуну роғ,
Ба сар барнаёраст[7] паррид зоғ.

Се фарзанди он шоҳи афсункушой
Бичастанд з-он сахт сармо зи ҷой.

Бад-он эзадӣ фарру фарзонагӣ,
Ба афсуни шоҳону мардонагӣ,

Бар он банду ҷоду бубастанд роҳ,
Накард эч сармо бад-эшон нигоҳ.

Чу хуршед барзад сар аз теғи кӯҳ,
Биёмад сабук марди афсунпижӯҳ

1. Л – ӯ.
2. Л – Нахӯрданд май ҷуз ки.
3. Л – ӯ.
4. Л – пеши.
5. ИЛ – он.
6. Л – Ҳаме.
7. И – Зи сармо наёраст.

www.sattor.com

Ба назди се домоди озодмард,
Ки бинад, рухоншон шуда лоҷвард.

Фусурда ба сармову баргашта кор,
Бимонда се духтар бад-ӯ ёдгор.

Чунин хост кардан бад-эшон нигоҳ,
На бар орзу гашт хуршеду моҳ.

Се озодаро[1] дид чун моҳи нав,
Нишаста бар он хусравӣ гоҳи нав.

Бидонист афсун[2] наёяд ба кор,
Набояд бад-ин бурд худ рӯзгор.

Нишастангаҳе сохт шоҳи Яман,
Ҳама номдорон шуданд анҷуман.

Дари ганҷҳои куҳан кард боз,
Кушод он, ки якчанд гаҳ буд роз.

Се хуршедрухро чу боғи биҳишт,
Ки мӯбад[3] чу эшон санавбар накишт,

Або тоҷу бо ганҷ, нодида ранҷ,[4]
Магар зулфашон дида ранҷи шиканҷ,[5]

Биёварду ҳар се бад-эшон супурд,
Ки се моҳи нав буду се шоҳи[6] гурд.

Зи кина ба дил гуфт шоҳи Яман,
Ки «Бад з-Офаридун наёмад[7] ба ман.

Бад аз ман, ки ҳаргиз мабодам нишон,
Ки мода шуд аз тухми нарракаён.

1. Л – домодро.
2. ИЛ – к-афсун.
3. Л – деҳқон.
4. Л – ороста.
5. Л – Сари зулфи мушкин бипероста.
6. И – Ки се моҳ буданд се шоҳи.
7. Л – аз Фаридун наёяд.

www.sattor.com

Беҳахтар касе дон, ки духтар-ш нест,
Чу духтар бувад, равшан ахтар-ш нест».

Ба пеши ҳама мӯбадон[1] Сарв гуфт,
Ки «Зебо бувад моҳро шоҳ ҷуфт.

Бидонед, к-ин се ҷаҳонбин ман
Супурдам бад-эшон ба оин ман

Бад-он то чу дида бидорандашон,
Чу ҷон пеши дил барнигорандашон».

Хурӯшиду бори арӯсон бубаст
Абар пушти шарза[2] ҳаюнони маст.

Зи гавҳар Яман гашта афрӯхта,
Иморӣ як андар дигар дӯхта.

Чу фарзанд бошад баоину фар,
Гиромӣ ба дил-бар чӣ мода, чи нар.

Иморӣ ба пушти ҳаюнони маст
Чунон чун бувад созу оин, бубаст.

Або чатру[3] бо хоста, шоҳвор
Гусӣ кардашону баророст кор.[4]

Ба сӯи Фаридун ниҳоданд рӯй
Ҷавонони бедордил[5] роҳҷӯй.

ОЗМУДАНИ ФАРИДУН ПИСАРОНИ ХУДРО

Чу аз бозгардидани он се шоҳ
Шуд огаҳ Фаридун, биёмад ба роҳ.

Зи дилшон ҳаме хост, к-огаҳ шавад,
Зи бадҳо гумонеш кӯтаҳ шавад.

1. И – мардумон.
2. И – ҳаждаҳ.
3. - молу.
4. ИЛ – Ҳамеша ба кор - андарун некёр.
5. ИЛ – Ж - бинодили; Л – ба ҷавшан.

www.sattor.com

Биёмад ба сони яке аждаҳо,
К-аз ӯ шер гуфтӣ, наёбад раҳо.

Хурӯшону ҷӯшон ба ҷӯш - андарун
Ҳаме аз даҳон-ш оташ омад бурун.

Чу ҳар се писарро ба наздик дид,
Ба гирд - андарун[1] кӯҳи торик дид.

Барангехт гарду[2] баровард ҷӯш,
Ҷаҳон гашт[3] аз овози ӯ пурхурӯш.

Биёмад дамон сӯи меҳтарписар,
Ки ӯ буд пурмояву тоҷвар.

Писар гуфт бо аждаҳо рӯи[4] ҷанг
Набинад[5] хирадёфта марди ҳанг.

Сабук пушт бинмуду бигрехт з-ӯй,
Падар зӣ бародар-ш бинҳод рӯй.

Миёна бародар чу ӯро бидид,[6]
Камонро ба зеҳ карду андаркашид.

Чунин[7] гуфт: «Гар[8] корзор аст кор,
Чи шери даманда, чи ҷангисавор!»[9]

Чу кеҳтарписар назди эшон расид,
Хурӯшид, к-он аждаҳоро бидид.[10]

1. И – андараш.
2. И – аспу.
3. Л – шуд.
4. Л – гуфт бо аждаҳо рӯзи.
5. ЛМ – Насозад.
6. И – омад падид.
7. ИЛ – Варо.
8. ИЛ – агар.
9. ТПЗ – Бигуфт ину бинҳод рух дар гурез,
Агарчанд будаш дили пурситез.
10. ТПЗ – Сабук теғро баркашид аз ниём,
Инонро гарон карду баргуфт ном.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт, к-«Аз пеши мо боз шав!
Палангӣ[1] ту, дар роҳи шерон марав!

Гарат номи шоҳ Офаридун ба гӯш
Расидаст, бо мо[2] бад-ин сон макӯш!

Ки фарзанди ӯем ҳар се писар,
Ҳама гурздорони пархошх(в)ар.

Гар аз роҳ бероҳу яксӯ шавӣ,
В-агарна, ниҳам-т афсари бадхавӣ.»[3]

Фаридуни фаррух чу бишниду дид,
Ҳунарҳо бидонисту шуд нопадид.

Бирафту биёмад падарвор пеш,
Чунон чун сазо буд ба оину кеш.

Або кӯсу бо жандапилони маст,
Ҳамон гурзаи говпайкар ба даст.

Бузургони лашкар пасу пушти ӯй,
Ҷаҳон омада пок дар мушти ӯй.

Чу диданд пурмоягон рӯи шоҳ,
Пиёда давон[4] баргирифтанд роҳ.

Бирафтанду бар хок доданд бӯс,
Фурӯ монда аз шӯр пилону кӯс.

Падар даст бигрифту бинвохтшон,
Бар андоза-бар пойгаҳ сохтшон.

Чу омад ба кохи гаронмоя боз,
Ба пеши ҷаҳондовар омад[5] ба роз.

---

1. ЛМ – Наҳангӣ.
2. ИЛ – ҳаргиз.
3. Ж - бадравӣ
4. Л – дамон.
5. Л – ҷаҳонофарин шуд.

www.sattor.com

Басе[1] офарин кард бар кирдгор,
К-аз ӯ дид неку бади рӯзгор.

В-аз он пас се фарзанди худро[2] бихонд,
Ба тахти гаронмояги[3] барнишонд.

Чунин гуфт, к-«Он аждаҳои дижам,
Куҷо хост, гетӣ бисӯзад ба дам,

Падар буд, ки ҷуст аз шумо мардумӣ,
Чу бишнохт, баргашт бо[4] хуррамӣ.

Кунун номатон сохтастем нағз,
Чунон чун сазояд худованди мағз.

Туӣ меҳтару[5] Салм номи ту бод,
Ба гетӣ бароганда[6] коми ту бод.

Ки ҷастӣ саломат зи коми наҳанг.
Ба гоҳи гурезиш накардӣ диранг.

Диловар, ки н-андешад аз пилу шер,
Ту девона хонаш, махонаш далер.

Миёна, к-аз оғоз тезӣ[7] намуд,
Зи оташ мар ӯро далерӣ фузуд,

Варо Тур хонем шери далер,
Куҷо жандапилаш наёрад ба зер.

Ҳунар худ далерист бар ҷойгоҳ,
Ки баддил набошад худованди[8] гоҳ.

Дигар кеҳтар он марди боҳангу ҷанг,
Ки ҳам бошитоб асту ҳам бодиранг.

---

1. ИЛ – Ҳаме.
2. Л – ҷаҳондидагонро.
3. Л – гаронмоягон.
4. И – аз.
5. И – Ки ту меҳтарӣ.
6. ИЛ – пароканда.
7. Л – тундӣ.
8. ИЛ – сазовори.

www.sattor.com

Зи хоку зи оташ миёна гузид,
Чунон к-аз раҳи ҳушёрон[1] сазид.

Далеру ҷавону ҳушивор буд,
Ба гетӣ ҷуз ӯро набояд ситуд.

Кунун Эраҷ андархури номи ӯй,
Ҳама меҳтарӣ[2] бод фарҷоми ӯй.

Бад-он, к-ӯ ба оғоз шерӣ намуд,
Ба гоҳи дуруштӣ далерӣ намуд.[3]

Ба номи паричеҳрагони араб
Кунун баркушоям ба шодӣ ду лаб.

Зани Салмро кард ном Орзуй,
Зани Турро Моҳи озодахӯй.

Зани Эраҷи некпайро Саҳӣ,
Куҷо буд Суҳайлаш ба хубӣ раҳӣ.

Пас аз ахтари гирдгардон сипеҳр,
Ки ахтаршиносон намуданд чеҳр,

Навишта биёварду бинҳод пеш,
Бидид ахтари номдорони хеш.

Ба Салм - андарун ҷуст з-ахтар нишон,
Набудаш магар Муштарӣ бо[4] камон.

Дигар толеи Тури фархундашер,
Худованди хуршеди саъди далер.

Чу кард ахтари фаррух Эраҷ нигоҳ,
Кашаф дид толеъ худованди моҳ.

---

1. Л – хушмандӣ.
2. И – Варо беҳтарӣ.
3. ТПЗ – Далеру хирадманду борой буд,
Ба ҳар ҷойгаҳ пойбарҷой буд.
4. ИЛ – Сабаб Муштарӣ буду толеъ камон.

www.sattor.com

Аз ахтар бад-ин сон[1] нишоне намуд,
Ки ошӯбашу ҷанг боист буд.

Шуд андӯҳгин шоҳ, чун он бидид,
Яке боди сард аз ҷигар баркашид.

Ба[2] Эраҷ барошуфта дидаш сипеҳр,
Набуд созгориш бо ӯ ба меҳр.

Ба андешаи пури равшанравон
Набуд ҷуз ба андешаи бад гумон.

БАХШ КАРДАНИ ФАРИДУН ҶАҲОНРО БАР ПИСАРОН

Нуҳуфта чу берун кашид аз ниҳон,
Басе бахш кард Офаридун ҷаҳон.[3]

Яке Руму Ховар, дигар Турку Чин,
Севум Дашти Гурдону Эронзамин.

Нахустин ба Салм - андарун бингарид,
Ҳама Руму Ховар мар ӯро гузид.

Бифармуд, то лашкаре баркашид,[4]
Гурозон сӯи Ховар[5] андаркашид.

Ба тахти каён андаровард пой,
Ҳаме хондандиш ховархудой.

Дигар Турро дод Туронзамин,
В-аро кард солори туркону Чин.

Яке лашкаре номзад кард шоҳ,
Кашид он гаҳе Тур лашкар ба роҳ.

1. Л – парешон.
2. ИЛ – Бар.
3. ТПЗИЛ – Чу шоҳ инчунин дид кирдори чарх,
   К-аз ӯ Эраҷашро набуд ҳеч барх.
4. ИЛ – баргузид.
5. Л – Бад-он сӯи Ховар сар.

www.sattor.com

Биёмад, ба тахти меҳӣ[1] барнишаст,
Камар бар миён басту букшод даст.

Бузургон бад-ӯ гавҳар афшонданд,
Ҷаҳонпок туроншаҳаш[2] хонданд.

В-аз он пас[3] чу навбат ба Эраҷ расид,
Мар ӯро падар шаҳри[4] Эрон гузид.

Ҳам Эрону ҳам Дашти Найзаварон,
Ҳамон тахти шоҳиву тоҷи сарон[5]

Бад-ӯ дод, к-ӯро сазо дид гоҳ,[6]
Ҳамон теғу мӯҳру нигину кулоҳ.[7]

Саронро, ки буд ҳушу фарҳангу рой,
Мар ӯро чӣ хонданд? Эронхудой.[8]

Нишастанд ҳар се ба орому шод
Чунон марзбонони фаррухнажод.[9]

РАШК БУРДАНИ САЛМ БАР ЭРАҶ

Баромад бар ин рӯзгори дароз,
Замона ба дил-бар ҳамедошт роз.

Фаридуни фарзона шуд солх(в)ард,
Ба боғи баҳор андаровард гард.

Бар ин гуна гардад саросар сухан,
Шавад суст нерӯ, чу гардад куҳан.

---

1. Л – шаҳӣ.
2. Л – Варо шоҳи Туронзамин.
3. Л – Аз эшон.
4. Л – шоҳӣ.
5. Л – шоҳону тоҷи каён.
6. Л – буд тоҷ.
7. Л – ҳамон тахти оҷ.
8. И – б.302 нест.
9. И – хусравнажод.

www.sattor.com

Чу омад ба кор - андарун тирагӣ,
Гирифтанд пурмоягон хирагӣ.[1]

Бичунбид мар Салмро дил зи ҷой,
Дигаргунатар шуд ба оину рой.

Дилаш гашта ғарқа ба оз - андарун,
Ба андеша*[2] биншаст бо раҳнамун.

Набудаш писандида бахши падар,
Ки додаш ба кеҳтарписар тахти зар.

Ба дил пур зи кин шуд, ба рух пур зи чин,
Фириста фиристод зӣ шоҳи Чин.

Бигуфт, он чӣ андар дил андеша буд,
Ҳаюне бар он сӯ барафканд зуд.

Фиристод назди бародар паём,
Ки ҷовид зӣ хурраму шодком.

Бидон, эй шаҳаншоҳи Туркону Чин,
Гусиста дили равшан аз*[3] беҳгузин.

Зи гетӣ зиён карда моро писанд,
Маниш пасту боло чу сарви баланд.

Ба бедор дил бингар ин достон,
К-аз ин гуна нашнидӣ аз бостон.

Се фарзанд будем, зебои тахт
Яке кеҳтар аз мо меҳ[4] омад ба бахт.

Агар меҳтарам ман ба солу хирад,
Замона ба мӯҳри ман андархурад.

---

1. ТПЗ – Кунун боз гардам ба кирдори Салм,
Ки чун рехт з-Эраҷ ҳаме хуни гарм.
2. М – Пурандеша.
3. М – Ҳунарманду равшандилу.
4. Л – беҳ.

www.sattor.com

Гузашта зи ман тоҷу тахту кулоҳ
Назебад магар бар ту, эй подшоҳ?

Сазад, гар бимонем ҳар ду дижам,
К-аз ин сон падар кард бар мо ситам.

Чу Эрону Дашти Алону Яман
Ба Эраҷ диҳад, Руму Ховар ба ман.

Супорад туро дашти туркону Чин,
Кеҳ аз мо сипаҳдори Эронзамин?![1]

Бад-ин бахшиш - андар маро пой нест,
Ба мағзи падар-т - андарун рой нест.[2]

Ҳаюне фиристоду бигзорд пой,
Биёмад ба наздики туронхудой.

Ба хубӣ шунида ҳама ёд кард,
Сари Тури бемағз пурбод кард.

Чу ин роз бишнид Тури далер,
Барошуфт ногоҳ чун тундшер.[3]

Чунин дод посух, ки «Бо шаҳрёр
Бигӯй ин сухан, ҳамчунин ёд дор,

Ки моро ба гоҳи ҷавонӣ падар
Аз ин гуна бифрефт, эй додгар.

Дарахтест ин худ нишонда ба даст,
Куҷо бори ӯ хуну баргаш кабаст.

Туро бо ман акнун бар ин гуфтугӯй
Бибояд ба рӯй андаровард рӯй.

Задан рои ҳушёру кардан сипоҳ,
Ҳаюне барафканд наздики шоҳ.

1. Л – Канорӣ бисозад туро аз замин.
2. И – б. 322, 323 нест.
3. И – б. 326 нест.

www.sattor.com

Забоноваре чарбгӯй аз меҳон
Фиристод наздики шоҳи ҷаҳон.

Бад-ӯ гуфт, к-«Аз ман бигӯ ин паём,
Ки эй шоҳи бинодилу некном!

Ба ҷои фузуниву[1] ҷои фиреб
Набояд,[2] ки ёбад[3] диловар шикеб.

Нашояд[4] диранг андар ин кор ҳеч,
Ки хом[5] ояд осоиш[6] андар басеч.»

Фиристода чун посух овард боз,
Бараҳна шуд он рӯйпӯшида роз.

Бирафт, он供 бародар зи Рум, ин зи Чин,
Ба заҳр андаромехта ангубин.

Расиданд пас як ба дигар фароз,
Сухан ронданд ошкорову роз.[7]

ПАЙҒОМИ САЛМ ВА ТУР БА НАЗДИКИ ФАРИДУН

Гузиданд пас мӯбади тезвир,[8]
Сухангӯю бинодилу ёдгир.[9]

Зи бегона пардахта карданд ҷой,
Сиголиш гирифтанд ҳар гуна рой.

Сухан Салм пайванд кард аз нахуст,
Зи шарми падар дидагонро бишуст.

Фиристодаро гуфт: «Раҳ дарнавард,
Набояд, ки ёбад туро боду гард.

1. ИЛМ – забунӣ.
2. И – Бибояд.
3. Л – бошад.
4. Л – Набояд.
5. И – Куҷо.
6. Л – осонӣ.
7. И – б. 338 нест.
8. И – тезбин.
9. И – б. офарин.

www.sattor.com

Бирав зуд назди Фаридун чу бод,
Ба ҷуз роҳ рафтан-т коре мабод.[1]

Чу ой ба кохи Фаридун фуруд,
Нахустин зи ҳарду писар[2] деҳ дуруд.

Ва дигар бигӯяш, ки тарси Худой
Бибояд, ки бошад[3] ба ҳарду сарой.

Ҷавонро бувад рӯзи пирӣ умед,
Нагардад сияҳ мӯи гашта сафед.

Чӣ созӣ диранг андар ин ҷои танг?
Шавад танг бар ту сарои диранг.

Ҷаҳон мар туро дод Яздони пок
Зи тобанда хуршед то тира хок.[4]

Ҳама б-орзу хостӣ[5] расму роҳ,
Накардӣ ба фармони Яздон нигоҳ.

Накардӣ ҷуз аз каҷживу костӣ,
Наҷустӣ ба бахш - андарун ростӣ.

Се фарзанд будат хирадманду гурд,
Бузург омада низ пайдо зи хурд.[6]

Надидӣ ҳунар бо[7] яке бештар,
Куҷо дигарӣ з-ӯ фурӯ бурд сар.

Якеро дами аждаҳо сохтӣ,
Якеро ба абр - андар афрохтӣ.

Яке тоҷ бар сар ба болини ту,
Бад-ӯ шод гашта[8] ҷаҳонбини ту.

1. ИЛ – б. 343 нест.
2. И – падар.
3. И – Набояд, ки ёбад.
4. И – б. 348 нест.
5. И – Ҳаме орзӯ сохтӣ.
6. Л – б. 351 нест.
7. И – ҳунарҳо.
8. Л – бад-ӯ гашта равшан.

www.sattor.com

На мо з-ӯ ба мому падар камтарем,
Ки[1] бар тахти шоҳӣ на андарх(в)арем.

Аё додгар, шаҳрёри замин,
Бар ин дод ҳаргиз мабод офарин!

Агар тоҷ аз он тораки бебаҳо
Шавад дуру ёбад ҷаҳон з-ӯ раҳо,

Супорӣ бад-ӯ гӯшае аз ҷаҳон,
Нишинад чу мо хаста андар ниҳон.[2]

В-агарна саворони туркону Чин,
Ҳам аз Рум гурдони[3] ҷӯяндакин

Фароз оварам лашкаре гурздор,
Аз Эрону Эраҷ барорам димор».

Чу бишнид мӯбад паёми дурушт,
Заминро бибӯсиду бинмуд пушт.

Бар он сон ба зин[4] андаровард пой,
Ки аз бод оташ биҷунбад зи ҷой.

Ба даргоҳи шоҳ Офаридун расид,
Баровардаа аз дур айвон бидид.[5]

Ба абр андаровардаа болои ӯй,
Замин, кӯҳ то кӯҳ паҳнои ӯй.

Нишаста ба дар-бар гармонмоягон,
Ба парда - дарун ҷои озодагон.[6]

Ба як даст барбаста[7] шеру паланг,
Ба дасти дигар жандапилони ҷанг.

1. ИЛ – На.
2. Л – аз ту равон.
3. И – шерони.
4. И – ба зер; Л – ба асп.
5. Л – Баровардае дид сар нопадид.
6. ИЛ – пурмоягон.
7. Л – парварда.

www.sattor.com

Зи чандон гаронмоя гурди далер,
Хурӯше баромад чу овои шер.

Сипеҳрест пиндошт айвон ба ҷой,
Парӣ[1] лашкаре гирдаш - андар ба пой.

Бирафтанд бедор корогаҳон,
Бигуфтанд бо шаҳрёри ҷаҳон,

Ки «Омад фиристодае назди шоҳ,
Яке пурманиш марди бодастгоҳ».

Бифармуд, то парда бардоштанд,
Зи аспаш ба даргоҳ бигзоштанд.

Чу чашмаш ба рӯи Фаридун расид,[2]
Ҳама дидаву дил пур аз шоҳ дид.[3]

Ба болой сарву чу хуршед рӯй,
Чу кофур мӯю чу гул сурх рӯй.

Ду лаб пур зи ханда, ду рух пур зи шарм,
Каёнӣ забон пур зи гуфтори нарм.[4]

Фиристода чун дид, саҷда намуд,
Заминро саросар ба бӯса бисуд.

Нишондаш ҳамон гаҳ Фаридун зи пой,
Сазовор додаш[5] яке хуб ҷой.

Бипурсидаш аз ду гиромӣ нахуст,
Ки «Ҳастанд шодондилу тандуруст?»

Дигар гуфт, к-«Ин дашту роҳи дароз
Шудӣ ранҷа андар нишебу фароз?»

1. ИЛ – Яке.
2. И – фитод.
3. И – Яке шоҳ дид ӯ бар он фарру дод.
4. И – гарм.
5. Л – кардаш.

www.sattor.com

Фиристода гуфт: «Эй гаронмоя[1] шоҳ,
Мабинод бе ту яке[2] пешгоҳ!

Зи ҳар кас, ки пурсӣ, ба коми туанд,
Ҳама пок зинда ба номи туанд.

Манам бандае шоҳро носазо,
Чунин бар тани хеш нопорсо.

Паёми дурушт оварида ба шоҳ,
Фиристанда пурхашму ман бегуноҳ.

Бигӯям, чу фармоядам шаҳрёр
Паёми ҷавонони ноҳушёр».

Бифармуд шаҳ, то забон баркушод,
Суханҳо[3] ҳама[4] сар ба сар кард ёд.

ПОСУХ ДОДАНИ ФАРИДУН ПИСАРОНРО

Фаридун бад-ӯ паҳн букшод гӯш,
Чу бишнид, мағзаш баромад ба ҷӯш.

Фиристодаро гуфт, к-«Эй ҳушёр,
Набоист пӯзиш туро худ[5] ба кор,

Ки ман чашм худ ҳамчунин доштам,
Ҳамин бар дили хеш бигмоштам.

Бигӯй он ду нопоки беҳударо,
Ду оҳармани мағзполударо.

Анӯша, ки кардед гавҳар падид,
Дуруд аз шумо худ[6] бад-ин сон сазид.

1. И – хирадманд.
2. ИЛ – Ки бе ту мабинод кас.
3. Л – Шунида.
4. И – Шунида сухан.
5. И – Туро тарсу пӯзиш наояд.
6. И – Ҳаме аз шумоям; Л – ба ман чун.

www.sattor.com

Зи панди ман ар мағзатон шуд тиҳӣ,
Ҳамон аз хирадтон намуд[1] огаҳӣ.

Надоред тарсу на шарм аз Худой,
Шуморо ҳамоно ҷуз ин нест рой.

Маро пештар қиргун буд мӯй,
Чу сарви саҳӣ қадду чун моҳ рӯй.

Сипеҳре, ки пушти маро кард кӯз,
Нашуд пастгардон, ба ҷой аст нӯз.

Шуморо хамонад ҳам он рӯзгор,
Намонад хамонанда ҳам пойдор.

Бад-он бартарин номи Яздони пок,
Ба рахшанда хуршеду орандахок[2]

Ба тахту кулоҳу ба Ноҳиду[3] Моҳ,
Ки ман бад накардам шуморо нигоҳ.

Яке анҷуман кардам аз бихрадон,
Ситорашиносону ҳам мӯбадон.

Басе рӯзгорон шудаст андар ин,
Ки кардем бар дод бахши замин.

Ҳама ростӣ хостам з-ин сухун,
Зи кажжӣ на сар буд мар инро[4], на бун.[5]

Ҳама тарси Яздон буд андар ниҳон,
Ҳама ростӣ хостам дар ҷаҳон.

Чу обод доданд[6] гетӣ ба ман,
Наҷустам парокандани анҷуман.

1. ИЛ – намонд.
2. И – торик хок; Л – тирахок.
3. И – Хуршеду.
4. И – пайдо.
5. Л – б. 398-399 нест.
6. И – даромад.

www.sattor.com

Магар ҳамчунон гуфтам, ободтахт
Супорам ба се дидаи некбахт.

Шуморо кунун гар дил аз ройи[1] ман
Ба кажживу торӣ кашид Аҳриман,

Бибинед,[2] то кирдгори баланд
Чунин аз шумо кард хоҳад писанд?

Яке достон гӯям, ар бишнавед,
Ҳамон бар, ки коред, худ[3] бидравед.

Чунин гуфт бо мо сухан раҳнамой,
Ҷуз ин аст ҷовид моро сарой.

Ба тахти хирад барнишаст озатон,
Чаро шуд чунин дев анбозатон?

Битарсам, ки дар чанги он аждаҳо
Равон ёбад[4] аз колбадтон раҳо.

Маро худ зи гетӣ гаҳи рафтан аст,
На ҳангоми тезиву ошуфтан аст,

Валекин чунин гӯяд он солх(в)ард,
Ки будаш се фарзанди озодмард,

Ки чун оз гардад зи дилҳо тиҳӣ,
Ҳамон хоку он ганҷи шоҳаншаҳӣ.

Касе к-ӯ供 бародар фурӯшад ба хок,
Сазад, гар нахонандаш аз оби пок.

Ҷаҳон чун шумо диду бинад басе,
Нахоҳад шудан ром бо ҳар касе.

1. ИЛ – роҳи.
2. И – Битарсед.
3. И – он.
4. Л – монад.

www.sattor.com

Кунун ҳарчӣ донед, к-аз кирдгор
Бувад растагорӣ ба рӯзи шумор,

Бичӯеду он тӯшаи раҳ кунед,
Бикӯшед, то ранҷ кӯтаҳ кунед.[1]

Фиристода бишнид гуфтори ӯй,
Заминро бибӯсиду баргошт рӯй.

Зи пеши Фаридун чунон боз гашт,
Ту гуфтӣ, ки бо бод анбоз гашт.

Фиристодаи Салм чун гашт боз,
Шаҳаншоҳ биншасту бикшод[2] роз.

Гиромӣ ҷаҳонҷӯйиро пеш хонд,
Ҳама буданӣ пеши ӯ бозронд.

Варо гуфт, к-«Он ду писар ҷангҷӯй
Зи Ховар сӯи мо ниҳоданд рӯй.

Аз ахтар чунон ҳасташон баҳра х(в)ад,
Ки бошанд шодон ба кирдори бад.

Дигаршон зи ду кишвар обишх(в)ар аст,
Ки он бумҳоро дуруштӣ бар аст.

Бародар-т чандон бародар бувад,
Куҷо мар туро бар сар афсар бувад.

Чу пажмурда шуд рӯи рангини ту,
Нагардад касе[3] гирди болини ту.

Ту гар пеши шамшер меҳр оварӣ,
Сарат гардад озурда[4] аз доварӣ.

Ду фарзанди ман аз ду гӯши ҷаҳон
Бар ин сон кушоданд бар ман ниҳон.

1. Л – б. 415 нест.
2. И – бикшоду баргуфт.
3. И – басе.
4. ИЛ – осуда.

www.sattor.com

Гарат сар ба кор аст, бипсеч кор,
Дари ганҷ букшову барбанд бор.

Ту гар чоштро даст ёзӣ ба ҷом,
В-агарна хуранд, эй писар, бар ту шом.

Набояд[1] зи гетӣ туро ёр ҷуст,[2]
Беозориву ростӣ кори туст».[3]

Нигаҳ кард пас Эраҷи пурҳунар,[4]
Бад-он меҳрубон шоҳ – фаррухпадар.

Чунин дод посух, ки «Эй шаҳрёр,
Нигаҳ кун бад-ин гардиши рӯзгор,

Ки чун бод бар мо ҳаме бугзарад,
Хирадманд мардум чаро ғам х(в)арад?

Ҳаме пажмуронад рухи арғавон,
Кунад тира дидори равшанравон.

Ба оғоз ганҷ асту фарҷом ранҷ,
Пас аз ранҷ рафтан зи ҷои сипанҷ.

Чу бистар зи хок асту болин зи хишт,
Дарахте чаро бояд имрӯз кишт,

Ки ҳарчанд рӯз[5] аз бараш бигзарад,
Бунаш[6] хун хӯрад, кина бор оварад?

Худованди шамшеру гоҳу[7] нигин
Чу мо дид бисёру бинад замин.

1. Л – Наёяд.
2. Л – кас.
3. Л – ёр бас.
4. Л – номвар.
5. Л – чарх.
6. Л – Танаш кин.
7. Л – тоҷу.

www.sattor.com

Аз он тоҷвар шаҳрёрони[1] пеш
Надиданд кин андар оини хеш.

Чу дастур бошад маро шаҳрёр,
Ҳамон нагзаронам ба бад рӯзгор.

Набояд маро тоҷу тахту кулоҳ,
Шавам[2] пеши эшон давон бесипоҳ.[3]

Бигӯям, ки эй номдорони ман,
Чунон чун гиромӣ тану ҷони ман.

Магиред хашму мадоред кин,
На зебост кин аз худованди дин.[4]

Ба гетӣ чӣ доред чандин[5] умед,
Нигар, то чӣ бад кард бо Ҷаммшед?

Ба фарҷом ҳам шуд зи гетӣ бадар.[6]
Намонд ӯ, ҳам он тоҷу тахту камар.[7]

Маро бо шумо ҳам, ба фарҷоми кор
Бибояд чашидан ҳамон[8] рӯзгор.

Дили кинаваршон ба дин оварам,
Сазовортар он, ки кин оварам».[9]

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй хирадманд пур,
Бародар ҳаме разм ҷӯяд, ту сур.

---

1. ИЛ – номдорони.
2. И – Равам.
3. Л – Чунин бегунох.
4. И – Бигӯям, ки аз шаҳрёри замин
Мадоред хашму маҷӯед кин.
Л – Ба беҳуда аз шаҳрёри замин
Мадоред чашму мадоред кин.
5. Л – акнун.
6. И – бурун.
7. И – Шуд он тоҷу тахташ саросар нагун.
8. И – ғами; Л – бади.
9. ТПЗ – Фаридун чу бишнид гуфтори ӯй,
Дилаш шодмон шуд ба дидори ӯй.

www.sattor.com

Маро ин сухан ёд бояд гирифт,
Зи маҳ рӯшноӣ набошад шигифт.

Зи ту пурҳунар[1] посух эдун сазид,
Дилат меҳру пайванди эшон гузид.

Валекин чу ҷону сари[2] бебаҳо
Ниҳад бихрад андар[3] дами аждаҳо,

Чӣ пеш оядаш ҷуз газоянда заҳр,
Ки[4] аз офариниш чунин аст баҳр?

Туро, эй писар, гар чунин аст рой,
Баророй кору бипардоз ҷой.

Парастанда чанд аз миёни сипоҳ,
Бифармой, к-оянд бо ту ба роҳ.

Зи дарди дил акнун яке нома ман
Нависам, фиристам бад-он анҷуман.

Магар боз бинам туро тандуруст,[5]
Ки равшан равонам ба дидори туст».

РАФТАНИ ЭРАҶ НАЗДИ БАРОДАРОН

Яке нома бинвишт шоҳи замин
Ба ховархудою ба солори Чин.[6]

Сари нома кард офарини Худой,
Куҷо ҳасту[7] бошад ҳамеша ба ҷой.[8]

Чунин[9] гуфт, к-«Ин номаи пандманд
Ба назди ду хуршеди гашта баланд.

1. ИЛ – пурхирад.
2. Л – ҷоне шавад.
3. И – бехирад дар.
4. И – К-аш.
5. И – тани ту дуруст.
6. И – Миёни каён чун дурахшон нигин.
7. Л – буду.
8. И – б. 457 нест.
9. Л – Дигар.

www.sattor.com

Ду сангӣ, ду ҷангӣ, ду шоҳи замин,
Яке шоҳи Ховар, яке шоҳи Чин.

Аз он кас, ки ҳар гуна дид ӯ ҷаҳон,
Шуда ошкоро бар ӯ-бар ниҳон.

Гироядаи[1] теғу гурзи гарон,
Фурӯзандаи номдор афсарон,

Намояндаи шаб ба рӯзи сапед,
Кушояндаи ганҷи биму умед.

Ҳама[2] ранҷҳо гашта осон бар ӯй,
Бад-ӯ равшанӣ андаровара[3] рӯй.

Нахоҳам ҳаме хештанро кулоҳ,
На оганда ганҷу на тахту на гоҳ.[4]

Се фарзандро хоҳам орому ноз,
Аз он пас, ки бурдем ранҷи дароз.[5]

Бародар, к-аз ӯ буд дилтон ба дард,
Агарчи назад бар касе[6] боди сард,

Давон омад аз баҳри озоратон,
Ҳамон орзуманди дидоратон.

Бияфканд шоҳӣ, шуморо гузид,
Чунон, к-аз раҳи номдорон сазид.

Зи тахт андаромад, ба зин барнишаст,
Бад-ин сон[7] миён бандагиро бубаст.

Бад-он, к-ӯ ба сол аз шумо кеҳтар аст,
Ба меҳру навозидан андарх(в)ар аст.[8]

1. Л – Гузорандаи.
2. И – Кунун.
3. ИЛ – Бар ӯ халқи гетӣ даровара.
4. И – тахти сиёҳ.
5. Л – бастам дари ганҷи боз.
6. Л – В-агар чанд ҳаргиз назад.
7. ИЛ – Бирафту.
8. И – навозандагӣ дархвар аст; Л – Навозидан аз меҳтар андархвар аст.

www.sattor.com

Гиромиш доредуду нӯша[1] х(в)аред,
Чу парвардаам[2] тан, равон парваред.

Чу аз буданаш бигзарад рӯз чанд,
Фиристед назди манаш арҷманд.»

Ниҳоданд бар нома-бар мӯҳри шоҳ,
Аз айвон-ш[3] Эраҷ гузин кард роҳ.

Бишуд бо тане чанд барнову пир,
Чунон чун бувад роҳро ногузир.

Чу танг андаромад ба наздикашон,
Набуд огаҳ аз рои торикашон.

Пазира шудандаш ба оини хеш,
Сипаҳ сар ба сар боз бурданд пеш.

Чу диданд рӯи бародар ба меҳр,
Яке тозатар баркушоданд чеҳр.

Ду пархошҷӯ бо яке некхӯй,[4]
Гирифтанд пурсиш на бар орзуй.

Ду дил пур зи кина, яке дил ба ҷой,
Бирафтанд ҳар се ба пардасарой.

Ба Эраҷ нигаҳ кард яксар сипоҳ,
Ки ӯ буд сазовори тахту кулоҳ.

Беоромашон шуд дил аз меҳри ӯй,
Дил аз меҳру дида пур аз чеҳри ӯй.

Сипоҳи пароканда шуд ҷуфт-ҷуфт,
Ҳама номи Эраҷ буд андар нуҳуфт,

1. ИЛ – тӯша.
2. И – Чу парварда шуд.
3. Л – Зи Эрон чу.
4. Яке некхӯву ду пархошҷӯй.

www.sattor.com

Ки инат[1] сазовори шоҳаншаҳӣ,
Ҷуз инро мабодо кулоҳи меҳӣ.

Ба лашкар нигаҳ кард Салм аз карон,[2]
Сараш гашт з-он кори лашкар[3] гарон.[4]

Ба хиргаҳ даромад[5] дили пур зи кин,
Ҷигар пур зи хун, абрувон пур зи чин.

Саропарда пардохт аз анҷуман
Худу Тур биншаст бо ройзан.

Сухан шуд[6] пижӯҳида аз ҳар даре,
Зи шоҳиву тоҷу зи ҳар кишваре.

Ба Тур аз миёни сухан Салм гуфт,
Ки «Як-як сипоҳ аз чӣ гаштанд[7] ҷуфт?

Ба ҳангомаи бозгаштан зи роҳ
Ҳамоно накардӣ ба лашкар нигоҳ?

Ки чандон куҷо роҳ бигзоштанд,
Яке чашм з-Эраҷ набардоштанд.[8]

Сипоҳи ду шоҳ аз пазира шудан
Дигар буду дигар зи бозомадан.

Аз Эраҷ дили ман ҳаме тира буд,
Бар андеша андешаҳо барфузуд.

Сипоҳи ду кишвар чу кардам нигоҳ,
Аз ин пас ҷуз ӯро нахоҳанд[9] шоҳ.

1. Л – ҳаст ин; И – ин аст.
2. И – ниҳон.
3. Л – кор яксар.
4. И – аз он лашкари бекарон.
5. ИЛ – Ба лашкаргаҳ омад.
6. Л - Суханро
7. И – гаштаст.
8. ТПЗ – Ҳам аз чора тадбир кардаш басе
Бад-он, то бад-ӯ бингарад ҳар касе.
Бубинанд ин фарру авранди ӯй,
Ба дил баргузинанд пайванди ӯй.
9. Л – нахонанд.

www.sattor.com

Агар бехи ӯ нагсилонӣ зи ҷой,
Зи тахти баланд уфтӣ[1] зери пой.»

Бар ин гуна аз ҷой бархостанд,
Ҳама шаб ҳаме чора оростанд.

КУШТА ШУДАНИ ЭРАҶ БАР ДАСТИ БАРОДАРОН

Чу бардошт парда зи пеш офтоб,
Сапеда баромад, биполуд хоб.

Ду беҳударо[2] дил бар ин кор гарм,
Ки дида бишӯянд ҳарду зи шарм.

Бирафтанд ҳарду гурозон[3] зи ҷой,
Ниҳоданд сар сӯи пардасарой.

Чу аз хайма Эраҷ ба раҳ бингарид,
Пур аз меҳр дил пеши эшон давид,

Бирафтанд бо ӯ ба хайма - дарун,
Сухан бештар бар чаро рафту чун.

Бад-ӯ гуфт Тур: «Ар ту аз мо кеҳӣ,
Чаро барниҳодӣ кулоҳи меҳӣ?

Туро бояд Эрону тахти меҳон,[4]
Маро бар дари турк баста миён.

Бародар, ки меҳтар, ба Ховар ба ранҷ,
Ба сар - бар туро афсару зер ганҷ.

Чунин[5] бахшише, к-он ҷаҳонҷӯй кард,
Ҳама сӯи кеҳтарписар рӯй кард».

Чу аз Тур бишнид Эраҷ сухун,
Яке поктар посух афканд бун.

1. И – баландӣ кунад.
2. И – олударо.
3. Л – бешарм, тозон.
4. И – каён.
5. И – Туро.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй меҳтари номҷӯй,
Агар коми дил хоҳӣ, ором ҷӯй.

На тоҷи каӣ хоҳам акнун, на гоҳ,
На номи бузургӣ, на эронсипоҳ.

Ман Эрон нахоҳам, на Ховар, на Чин,
На шоҳӣ, на густарда рӯи замин.

Бузургӣ ки фарҷоми ӯ тирагист,
Бад-он бартарӣ-бар бибояд гирист.

Сипеҳри баланд ар[1] кашад зини ту,
Саранҷом хишт аст болини ту.

Маро тахти Эрон агар буд зер,
Кунун гаштам аз тоҷу аз тахт сер.

Супурдам шуморо кулоҳу нигин,
Мадоред бо ман шумо низ*[1] кин.

Маро бо шумо нест ҷангу[2] набард,
Набояд ба ман ҳеч дил ранҷа кард.

Замона нахоҳам ба озоратон,
В-агар дур монам зи дидоратон.

Ҷуз аз кеҳтарӣ нест оини ман,
Набошад ба ҷуз мардумӣ дини ман».

Чу бишнид Тур ин ҳама сар ба сар,[3]
Ба гуфтораш - андар наёвард сар.[4]

Наёмад-ш гуфтори Эраҷ писанд,
На низ*[5] оштӣ[6] назди ӯ арҷманд.

1. Л – бар ин гар.
2. ИЛ – нангу.
3. Л – аз釋бародар чунин.
4. Л – Ба абрӯ ба хашм андаровард чин.
5. М - ҳеч
6. И – з-он ростӣ.

www.sattor.com

Зи курсӣ ба хашм андаровард пой,
Ҳаме гуфту бархост ҳазмон зи ҷой.

Якояк[1] баромад зи ҷои нишаст,
Гирифт он гарон курсии зар ба даст.

Бизад бар сари хусрави тоҷдор,[2]
Аз ӯ хост Эраҷ ба ҷон зинҳор;

«Наёяд-т, гуфт, эч тарс аз Худой,
На шарм аз падар, худ ҳамин аст рой?!

Макуш мар маро, к-ат саранҷоми кор
Бигирад ба хуни манат рӯзгор!

Макун хештанро зи мардумкушон,
К-аз ин пас наёбӣ худ аз ман нишон!

Писандиву ҳамдостонӣ кунӣ,
Ки ҷон дориву ҷонситонӣ кунӣ!

Маёзор мӯре ки донакаш аст,
Ки ҷон дораду ҷони ширин х(в)аш аст.[3]

Басанда*[4] кунам з-ин ҷаҳон гӯшае,
Ба кӯшиш фароз оварам тӯшае.

Ба хуни бародар чӣ бандӣ камар?!
Чӣ сӯзӣ дили пиргашта падар?!

Ҷаҳон хостӣ, ёфтӣ, хун марез,
Макун бо ҷаҳондор Яздон ситез!»[5]

Сухан чанд бишниду посух надод,
Дилаш буд пурхашму сар пур зи бод,

---

1. Л – Зи ногаҳ.
2. Л – номдор.
   *1 М – он.
3. ТПЗ – Сиёҳ андарун бошаду сангдил,
   Ки хоҳад, ки мӯре шавад тангдил.
4. М – писанда.
5. И – б. 528 нест.

www.sattor.com

Яке ханҷар аз мӯза берун кашид.
Саропои ӯ чодари хун кашид.

Бад-он тез, заҳробгун ханҷараш
Ҳаме кард чок он каёнӣ бараш.

Фуруд омад аз пой сарви саҳӣ,
Гусист он камаргоҳи шоҳаншаҳӣ.

Давон[1] хун бар[2] он чеҳраи арғавон
Шуд он номвар шаҳрёри ҷавон.[3]

Сари тоҷвар аз тани пилвор
Ба ханҷар ҷудо карду баргашт кор.

Ҷаҳоно, бипарвардияш дар канор,
В-аз он пас надодӣ ба ҷон зинҳор!

Ниҳонӣ, надонам туро дӯст кист?
Бад-ин ошкорат бибояд гирист!

Ту низ, эй ба хира хирифгашта мард.
Зи баҳри ҷаҳон дил пур аз доғу дард,

Чу шоҳон ба кина кушӣ хир-хир,
Аз ин ду ситамгора андоза гир.

Биёганд мағзаш ба мушку абир,
Фиристод назди ҷаҳонбахши пир.

Чунин гуфт, к-«Инак сари он баноз,
Ки тоҷи ниёкон бад-ӯ гашт боз.

Кунун хоҳ тоҷаш деҳу хоҳ тахт,
Шуд он соягустар каёнидарахт.»[4]

Бирафтанд боз он ду бедоди шум,
Яке сӯи Чин шуд, яке сӯи Рум.

1. Л – Равон.
2. Л – аз.
3. Л – ҷаҳон; И – б. 532-533 нест.
4. Л – Баҳоридарахт.

www.sattor.com

ОГОҲӢ ЁФТАНИ ФАРИДУН АЗ КУШТА ШУДАНИ ЭРАҶ

Фаридун ниҳода ду дида ба роҳ,
Сипоҳу кулоҳ орзуманди шоҳ.

Чу ҳангоми баргаштани шоҳ буд,
Падар з-он сухан худ кай огоҳ буд.

Ҳаме шоҳро тахти пирӯза сохт,
Ҳамон тоҷро гавҳар - андар нишохт.

Пазира шуданро биёростанд,
Маю руду ромишгарон хостанд.

Табира бибурданд пил аз дараш,
Бубастанд озин ҳама кишвараш.

Бад-ин андарун буд шоҳу сипоҳ,
Яке гарди тира баромад зи роҳ.

Ҳаюне бурун омад аз тира гард,
Нишаста бар ӯ-бар саворе ба дард.

Хурӯше баромад аз он сӯгвор,
Яке зарртобуташ андар канор.

Ба тобути зар - андарун парниён
Ниҳода сари Эраҷ андар миён.

Або нолаву оҳу бо рӯи зард
Ба пеши Фаридун шуд он некмард.

Зи тобути зар тахта бардоштанд,
Ки гуфтори ӯ хира пиндоштанд.

Зи тобут чун парниён баркашид,
Бурида сари Эраҷ омад падид.

www.sattor.com

Бияфтод аз асп[1] Офаридун ба хок,
Сипаҳ сар ба сар[2] ҷома карданд[3] чок.

Сияҳ шуд рухон, дидагон шуд сапед,
Ки дидан дигаргуна буд аз умед.

Чу хусрав аз*[4] ин гуна омад зи роҳ,
Чунин боз гашт аз пазира сипоҳ.

Дарида дурафшу нагун карда кӯс,
Рухи номдорон шуда обнӯс.

Табира сияҳ кардаву рӯи пил,
Пароганда бар тозиаспон-ш нил.

Пиёда сипаҳбад, пиёда сипоҳ,
Пур аз хок сар, баргирифтанд роҳ.

Хурӯшидани паҳлавонон ба зард,
Канон гушти бозӯ бар он зодмард.[5]

Мабар худ зи*[6] меҳри замона гумон,
На некӯ бувад ростӣ дар камон.

Бар ин гуна гардад ба мо-бар[7] сипеҳр,
Бихоҳад рабудан, чу бинмуд чеҳр.

Чу душман-ш гирӣ, намояд-т меҳр.
В-агар дӯст хонӣ, набиниш чеҳр.

Яке панд гӯям туро ман дуруст,
Дил аз меҳри гетӣ бибояд-т шуст.

Сипаҳ доғдил, шоҳ бо ҳою ҳуй,
Сӯи боғи Эраҷ ниҳоданд рӯй.

1. И – пас.
2. И – Зи аспу сипаҳ.
3. Л – Ҳама сар ба сар ҷомаро кард.
4. М – бар.
5. И – ба озор мард.
6. М – ба.
7. И – намояд.

www.sattor.com

Ба рӯзе кучо чашни шоҳон будӣ,
Варо бештар чашнгоҳ он будӣ,

Фаридун сари шоҳпури чавон
Биёмад ба бар баргирифта навон.

Бар он тахти шоҳаншаҳӣ бингарид,
Сари тахтро тира бешоҳ*[1] дид.

Сари ҳавзи шоҳиву сарви саҳӣ
Дарахте гулафшону беду биҳӣ,

Барафшонд бар тахт хоки сиёҳ,
Ба кайвон баромад фиғони сипоҳ.[2]

Ҳаме кард ҳую ҳаме канд мӯй,
Ҳаме рехт ашку ҳаме хаст рӯй.

Миёнро ба зуннори хунин бибаст,
Фиканд оташ андар сарои нишаст.[3]

Гулистон-ш барканду сарвон бисӯхт,
Ба якборагӣ чашми шодӣ бидӯхт.

Ниҳода сари Эрач андар канор,
Сари хеш карда сӯи кирдгор,

Ҳаме гуфт, к-«Эй довари додгар,
Бад-ин бегунаҳкушта - андар нигар!

Ба ханчар сараш хаста дар пеши ман,
Танаш хӯрда шерони он анчуман!

1. М – шоҳро низ бе тоҷ.
2. И – Тиҳӣ дид аз озодагон чанггоҳ,
Ба кайвон баровард гарди сипоҳ;
Л – Тиҳӣ дид аз озодагон чашни шоҳ,
Сари шоҳ баргашт бетан зи роҳ.
Л – пас аз б. 571 ин б. омада:
Бинолид аз он номвар чашнгоҳ,
Ба кайвон баровард гарди сиёҳ,
Ҳаме сӯхт гоҳу ҳаме канд мӯй,
Ҳаме рехт обу ҳаме хаст рӯй.
3. Л – б. 573 нест.

www.sattor.com

Дили ҳарду бедод аз он сон[1] бисӯз,
Ки ҳаргиз набинанд ҷуз тира рӯз!

Ба доғи ҷигаршон кунӣ ожада,[2]
Ки бахшоиш орад бар эшон дада.

Ҳаме хоҳам, эй довари кирдгор,
Ки чандон амон[3] ёбам аз рӯзгор,

Ки аз тухми Эраҷ яке номвар
Бубинам абар кина[4] баста камар.

Чу ин бегунаҳро буриданд сар,
Бибуррад сари он ду бедодгар![5]

Чу дидам чунин, з-он сипас шоядам,
Куҷо хок боло бипаймоядам».

Бар ин гуна[6] бигрист чандон ба зор,
Ҳаме то гиё русташ андар канор.

Замин бистару хок болини ӯй,
Шуда тира равшан ҷаҳонбини ӯй.

Дари бор баста, кушода забон,
Ҳаме гуфт зор, эй[7] набарда ҷавон,

Кас аз тоҷдорон бад-ин сон намурд,
Ки ту мурдӣ, эй номбардор[8] гурд.

Саратро бурида ба хор Аҳриман,
Танатро шуда коми шерон кафан.

1. И – бедодгарро.
2. И – озада.
3. Л – замон.
4. И – бар ин кин.
5. ИЛ – б. 582 нест.
6. И – Бигуфт ину.
7. Л – шоҳо.
8. И – номпардоз.

www.sattor.com

Хурӯшу фиғону*[1] ду чашми пуроб,
Зи ҳар дому дад бурда орому хоб.

Саросар ҳама кишвараш марду зан,
Ба ҳар ҷой карда яке анҷуман.

Ҳама дида пуробу дил пур зи хун,
Нишаста ба тимору дард - андарун.

Чӣ моя чунин рӯз бигзоштанд,
Ҳама зиндагӣ марг пиндоштанд.[2]

ГУФТОР АНДАР ЗОДАНИ ДУХТАРИ ЭРАҶ

Баромад бар ин низ якчанд гоҳ,
Шабистони Эраҷ нигаҳ кард шоҳ.

Фаридун шабистон якояк[3] бигашт,
Бар он моҳрӯён ҳама[4] баргузашт.

Яке хубчеҳра парастанда дид,
Куҷо номи ӯ буд Моҳофарид,

Ки Эраҷ бар ӯ меҳри бисёр дошт,
Қазоро, канизак аз ӯ бор дошт.

Паричеҳраро бачча буд дар ниҳон,
Аз он шод шуд шаҳрёри ҷаҳон.

Аз он хубрух шуд дилаш пурумед,
Ба кини писар дод дилро навид.

Чу ҳангомаи зодан омад падид,
Яке духтар омад зи Моҳофарид.

1. М – Хурӯше фиғоневу.
2. ТПЗЛ – Ҳама ҷома карда кабуду сиёҳ,
Нишаста ба андӯҳ бо сӯги шоҳ.*
* Ҳама хок бар сар ба ҷои кулоҳ.
3. ИЛ – саросар.
4. Л – яке.

www.sattor.com

Шуд уммеди кӯтоҳ бар шаҳ дароз,
Бипарвардаш ӯро ба шодиву ноз.[1]

Ҷаҳоне гирифтанд парварданаш,
Баромад ба нозу бузургӣ танаш.[2]

Мар он лоларухро[3] зи сар то ба пой,
Ту гуфтӣ, магар Эраҷ астӣ ба ҷой.

Чу баррусту[4] омад-ш ҳангоми шӯй,
Чу парвин шудаш рӯю чун қир мӯй.

Ниё номзад кард шӯяш Пашанг,
Бад-ӯ доду чанде баромад диранг.

Пашанг он ки пури бародар-ш буд,
Нажод аз гаронмоя гавҳар-ш буд.[5]

Гаве буд аз тухми Ҷамшедшоҳ,
Сазовори шоҳиву тахту кулоҳ.

Бидодаш бад-он номбардор шӯй,
Ва якчанд гоҳе баромад бар ӯй.

ЗОДАНИ МАНУЧЕҲР АЗ МОДАРАШ

Ба сар - бар шигифтӣ нигар, чун намуд,
Чу баргашт нӯҳ моҳ чархи кабуд,

Яке пур зод он ҳунарманд моҳ,
Чӣ гуна сазовори дайҳиму гоҳ.[6]

Чу аз модари меҳрубон шуд ҷудо,
Сабук тохтандаш сӯи подшо.

1. ИЛ – б. 600 нест.
2. ТП – Ниёро ҳаме буд андуҳгусор,
Бимонда зи дарди писар ёдгор.
3. ИЛ – моҳрухро.
4. Л – Чу парварду.
5. ИЛ – б. 605 нест.
6. ИЛ – тахту кулоҳ.

www.sattor.com

Баранда бад-ӯ гуфт, к-«Эй тоҷвар,[1]
Яке шод кун дил, ба Эраҷ нигар».

Ҷаҳонбахшро лаб пур аз ханда шуд,
Ту гуфтӣ, магар Эраҷаш зинда шуд.

Ниҳод он гаронмояро дар канор,
Ниёиш ҳаме кард бо кирдгор.

Ки, эй коҷкӣ,*[2] дида будӣ маро,
Ки Яздон рухи ӯ намудӣ маро.[3]

Зи бас, к-аз ҷаҳонофарин кард ёд,
Бубахшиду дида бад-ӯ боздод.

Фаридун чу равшанҷаҳонро бидид,
Ба чеҳри навомад сабук бингарид.

Ҳаме гуфт, к-«Ин рӯз фархунда бод!
Дили бадсиголони мо канда бод!»

Маи равшан оварду пурмоя ҷом,
Мар он чеҳр дорад Манучеҳр ном.

Чунин, гуфт, к-«Аз покмому падар
Яке шохи шоиста омад ба бар».

Чунон парваридаш, ки боду ҳаво
Бар ӯ баргузаштан надидӣ раво.

Парастандае к-аш ба бар доштӣ,
Заминро ба пай ҳеч нагзоштӣ.

Ба пой - андараш мушки соро будӣ,
Равон бар сараш чатри дебо будӣ.

Чунин то баромад бар ин солиён,
Наёмад-ш з-ахтар замоне зиён.

1. И – шаҳ, писар.
2. М Ж – кошкӣ.
3. ИЛ – б. 614 нест.

www.sattor.com

Ҳунарҳо, ки буд подшоро ба кор,
Биёмӯхташ номвар шаҳрёр.

Чу чашму дили подшаҳ боз шуд,
Ҷаҳон[1] низ бо ӯ пуровоз[2] шуд.

Ниё тахти заррину гурзи гарон
Бад-ӯ доду пирӯза тоҷи сарон.[3]

Калиди дари ганҷи зарру[4] гуҳар,
Ҳамон тахту тавқу кулоҳу[5] камар.

Саропарда аз дебаи ранг-ранг,
Бад-ӯ - андарун хаймаҳои паланг.

Чи аспони тозӣ ба зарринситом,
Чи шамшери ҳиндӣ ба зарринниём,

Чи аз ҷавшану таргу румӣ зиреҳ,
Кушоданд мар бандҳоро гиреҳ.

Камонҳои чочиву тири ханданг,
Сипарҳои чиниву жӯпини ҷанг.[6]

Бар ин гуна ороста ганҷҳо,
Ба гирд омада-бар басе[7] ранҷҳо.

Саросар сазои Манучеҳр дид,
Дили хештан з-ӯ пур аз меҳр дид.[8]

Ҳама паҳлавонони лашкар-шро,
Ҳама номдорони кишвар-шро,

1. ИЛ – Сипаҳ.
2. ИЛ – ҳамовоз.
3. Л – б. 626 нест.
4. ИЛ – ганҷҳои.
5. И – дайҳиму тоҷу.
6. ИЛ – рӯинаҷанг.
7. Л – Кашида ба гирд омада.
8. ТПЗ ИЛ – Калиди дари ганҷ ороста,
Ба ганҷури ӯ додӣ ин хоста!

www.sattor.com

Бифармуд, то пеши ӯ омаданд,
Ҳама бо дили киначӯ омаданд.

Ба шоҳӣ бар ӯ офарин хонданд,
Забарҷад ба тоҷаш барафшонданд.

Ба ҷашни навоину рӯзи бузург
Шуда дар ҷаҳон меш ҳамроҳи гург.

Сипаҳдор чун Қорани ковагон,
Сипаҳкаш чу Шерӯи шери жиён.

Чу Гаршосп гарданкаши теғзан,
Чу Соми Наримон яли анҷуман.

Қубоду чу Кашводи зарринкулоҳ,
Басе номдорони гетипаноҳ.[1]

Чу шуд сохта кори лашкар ҳама,
Баромад сари шаҳрёр аз рама.

ОГОҲ ШУДАНИ САЛМ ВА ТУР АЗ МАНУЧЕҲР

Ба Салму ба Тур омад ин огаҳӣ,
Ки шуд равшан он тахти шоҳаншаҳӣ.[2]

Дили ҳар ду бедор*[3] шуд пурниҳеб,
Ки ахтар ҳаме рафт сӯи нишеб.

Нишастанд ҳарду пурандешагон,[4]
Шуда тира рӯзи ҷафопешагон.

Якояк ба он рояшон шуд дуруст,
К-аз он рӯяшон чора боист ҷуст,

1. ИЛ – б. 639-640 нест.
2. ИЛ – пас аз б. 642 ин б. омада:
   Чу огаҳ шуданд он ду бедодгар
   Зи ҳоли Манучеҳру кори падар.
3. М – бедод.
4. И – бадандешагон.

www.sattor.com

Ки сӯи Фаридун фиристанд кас,
Ба пӯзиш, куҷо чора ин буд бас.

Бичустанд з-он анҷуман ҳарду он
Яке покдил марди чиразабон.

Бад-он марди борою боҳушу шарм[1]
Бигуфтанд бо лоба бисёр гарм.

Дари ганҷи Ховар кушоданд боз,
Чу диданд ҳавли нишеб аз[2] фароз.

Зи ганҷи куҳан тоҷи зар хостанд.
Ҳама пушти пилон биёростанд.

Ба гардунаҳо-бар чи[3] мушку абир,
Чи дебову динору хаззу ҳарир,[4]

Або пили гардункашу[5] рангу бӯй,
Зи Ховар ба Эрон ниҳоданд рӯй.

Ҳар он кас, ки буд бар дари шаҳрёр,
Якояк фиристодашон ёдгор.

Чу пардахташон шуд дил аз хоста,
Фиристода омад баророста.

Бидоданд[6] назди Фаридун паём,
Нахуст аз ҷаҳондор бурданд ном,

Ки ҷовид бодо Фаридуни гурд,
Ки фарри каӣ Эзад ӯро супурд!

Сараш сабз боду танаш арҷманд,
Маниш баргузашта зи чархи баланд.

1. И – нарм.
2. ИЛ – Бидиданд ҳавл аз нишебу.
3. И – Чи заррин табақҳои.
4. И – б. 651 нест.
5. И – гарданкаш.
6. И – Чу доданд.

www.sattor.com

Паёме гузорам зи ҳарду раҳӣ
Бад-ин бурздаргоҳи шоҳаншаҳӣ.

Бад-он, к-он ду бадхоҳи бедодгар
Пур аз оби дида зи шарми падар.

Пушаймон шуда, доғдил бар гуноҳ,*[1]
Ҳаме сӯи пӯзиш бичӯянд роҳ.

Азеро куҷо чашми оншон[2] набуд,
Ки гуфторашон кас тавонад[3] шунуд.

Чӣ гуфтанд? Гуфтанд, к-эй*[4] пурхирад,
Ҳар он кас, ки бад кард, кайфар барад,

Бимонад ба тимору дил пур зи дард,
Чу мо мондаем, эй шаҳи зодмард.[5]

Навишта чунин будамон аз бувиш,
Ба расми бувиш андаромад равиш.

Ҳижабри[6] ҷаҳонсӯзу нараждаҳо
Зи доми қазо ҳам наёбад раҳо.

Ва дигар, ки фармони нопокдев[7]
Бибурд ин дил аз роҳи[8] кайҳонхидев.

Ба мо-бар чунин чира[9] шуд рои ӯй,
Ки мағзи ду фарзона[10] шуд ҷои ӯй.

Ҳаме чашм дорем аз он тоҷвар,
Ки бахшоиш орад ба мо-бар магар.

1. М – пургуноҳ.
2. ИЛ – эшон.
3. Л – гуфтори эшон бибояд.
4. М – пурхирад.
5. И – зода мард; Л – родмард.
6. ИЛ – ҳизабри.
7. МИ – бебокдев.
8. И – Бурида дил аз тарси.
9. Л – хира.
10. ИЛ – фарзанд.

www.sattor.com

Агарчи бузург аст моро гуноҳ,
Ба бедонишӣ барниҳад пешгоҳ.

Ва дигар баҳона сипеҳри баланд,
Ки гоҳе паноҳ асту гоҳе газанд.

Севум дев, к-андар ҷаҳон чун наванд
Миён баста дорад зи баҳри газанд.

Агар подшоро сар аз кини мо
Шавад пок, равшан шавад дини мо.

Манучеҳрро бо сипоҳе гарон
Фиристад ба наздики хоҳишгарон.

Бад-он, то чу банда ба[1] пешаш ба пой
Бибошем ҷовиду ин аст рой.

Магар, к-он дарахте, ки аз кин бируст,
Ба оби ду дида тавонем шуст.

Бипӯем, то обу ранҷаш[2] диҳем,
Чу тоза шавад, тоҷу ганҷаш диҳем.

ПАЙҒОМ ФИРИСТОДАНИ ПИСАРОН НАЗДИ ФАРИДУН

Фиристода омад диле пурсухун,
Суханро на сар дид пайдо, на бун.

Або пилу бо ганҷу бо хоста
Ба даргоҳи шоҳ омад ороста.

Чу назди Фаридун расид огаҳӣ,
Бифармуд, то тахти[3] шоҳаншаҳӣ

1. И – Бар он тоҷҷӯянда.
2. Л – Бикӯшем, то обурангаш.
3. И – кохи.

www.sattor.com

Ба дебои румӣ[1] биёростанд,
Кулоҳи каёнӣ биперостанд.[2]

Нишаст аз бари тахти пирӯза шоҳ
Чу сарви саҳӣ бар сараш гирдмоҳ.

Або тоҷу бо тавқу бо гӯшвор,
Чунон чун бувад дархури шаҳрёр.

Хуҷаста Манучеҳр бар дасти шоҳ
Нишаста, ба сар барниҳода кулоҳ.

Дурӯя бузургон кашида рада,
Саропой яксар ба зар ожада.[3]

Ба арринамуду ба арринкамар
Замин карда хуршедгун сар ба сар,

Ба як даст барбаста шеру паланг,
Ба дасти дигар жандапилони ҷанг.[4]

Бурун омад аз кох Шопури гурд,
Фиристодаи Салмро пеш бурд.

Фиристода чун дид даргоҳи шоҳ,
Пиёда давон андаромад зи роҳ.

Чу наздики шоҳ Офаридун расид,
Сари тоҷу тахти баландаш бидид,

Зи боло фурӯ бурд сар пеши ӯй,
Ҳаме бар замин-бар бимолид рӯй.

Гаронмоя шоҳи ҷаҳонкадхудой
Ба курсии заррин-ш фармуд ҷой.

Фиристода бар шоҳ кард офарин,
Ки «Эй нозиши тоҷу тахту нигин,

1. И – чинӣ.
2. Л – б. 679, 680 нест.
3. ИЛ – Ба тавқу ба занҷири зарринзада.
4. Л – б. 686 нест.

www.sattor.com

Замин гулшан аз пояи тахти туст,
Замон равшан аз мояи бахти туст.

Ҳама бандаи хоки пои туем,
Ҳама пок зинда барои туем!»

Чу бар офарин шоҳ бикшод чеҳр,
Фиристода пешаш бигустард меҳр.

Кушодазабон марди бисёрҳуш,
Бад-ӯ дод шоҳи ҷаҳондор гӯш.

Паёми ду хунӣ бигуфтан гирифт,
Ҳама ростиҳо нуҳуфтан гирифт.

Зи кирдори бад пӯзиш оростан,
Манучеҳрро назди худ хостан.

Миён бастан ӯро ба сони раҳӣ,
Супурдан бад-ӯ тоҷу тахти меҳӣ.

Харидан аз ӯ боз хуни падар
Ба динору дебову ганҷу гуҳар.[1]

Фиристода гуфту сипаҳбад шунид,
Мар он бандро посух омад калид.[2]

ПОСУХ ДОДАНИ ФАРИДУН ПИСАРОНРО

Чу бишнид шоҳи ҷаҳонкадхудой
Паёми ду фарзанди нопокрой,

Якояк ба марди гаронмоя гуфт,
Ки «Хуршедро чун тавонӣ нуҳуфт?

Ниҳони дили он ду марди палид
Зи хуршед равшантар омад падид.

Шунидам ҳама, ҳарчӣ гуфтӣ сухун,
Нигаҳ кун, ки посух чӣ ёбӣ зи бун.

1. И – тоҷу камар.
2. И – онро ҳама посух омад падид.

www.sattor.com

Бигӯй он ду бешарми нопокро,
Ду бедоди бадмеҳри[1] бебокро,

Ки гуфтори хира нааярзад ба чиз,[2]
Аз ин дар сухан худ наронем*[3] низ.

Агар бар Манучеҳратон меҳр хост,
Тани Эраҷи номвартон куҷост?

Ки коми даду дом будаш нуҳуфт,
Сараш бо[4] яке тангтобут ҷуфт.

Кунун чун аз Эраҷ бипардохтед,
Ба хуни Манучеҳр барсохтед?

Набинед рӯяш магар бо сипоҳ,
Зи пӯлод бар сар ниҳода[5] кулоҳ.

Або гурзу бо ковиёнӣ дурафш
Замин*[6] гашта аз наъли аспон бунафш.

Сипаҳдор чун Қорани размхоҳ,
Чу Шопури Настӯҳ пушти сипоҳ.

Ба як даст Шедӯши ҷангӣ ба пой,
Чу Шерӯи шерафжани раҳнамой.[7]

Чу шоҳи Талимону Сарви Яман
Ба пеши сипоҳ - андарун ройзан.

Дарахте ки аз кини Эраҷ бируст,
Ба хун баргу бораш бихоҳем шуст.

Аз он то кунун кини ӯ кас нахост,
Ки пушти замона надидем рост.

1. ИЛ – бемеҳри.
2. И – патиз.
3. М – чанд ронем.
4. ИЛ – Сарашро.
5. И – оҳан ба сар барниҳода.
6. М – карда.
7. ИЛ – б. 714 нест.

www.sattor.com

На хуб омадӣ бо ду фарзанди хеш,
Ки ман ҷангро кардаме даст пеш.

Кунун з-он дарахте, ки душман биканд,
Барӯманд шохе баромад баланд.

Биёяд кунун чун ҳижабри жиён,
Ба кини падар танг баста миён.

Або номдорони лашкар ба ҳам,
Чу Соми Наримону Гаршоспи Ҷам

Сипоҳе, ки аз кӯҳ то кӯҳ ҷой
Бигиранду кӯбанд гетӣ[1] ба пой,

Ва дигар, ки гуфтанд, бояд, ки шоҳ
Зи кин дил бишӯяд, бубахшад гуноҳ,

Ки бар мо чунин гашт гардонсипеҳр,
Хирад хира шуда, тира шуд ҷои меҳр.

Шунидам ҳама пӯзиши нобакор,[2]
Чӣ гуфт он ҷаҳонҷӯи[3] нобурдбор,

Ки ҳар кас, ки тухми ҷафоро бикишт,
На хуш рӯз бинад, на хуррам биҳишт.

Гар омурзиш ояд зи Яздони пок,
Шуморо зи хуни供 бародар чӣ бок?!

Ҳар он кас, ки дорад равонаш хирад,
Гуноҳ он сиголад, ки пӯзиш барад.

Зи равшан ҷаҳондоратон нест шарм,
Сияҳ дил, забон пур зи гуфтори нарм.

Мукофоти ин бад ба ҳар ду сарой
Биёбед аз додгар як Худой.

1. И – кайҳон.
2. Л – будани рӯзгор.
3. ЛМ – ҷаҳондори.

www.sattor.com

Се дигар фиристодани тахти оҷ
Бад-ин зандапилону*[1] пирӯза тоҷ.

Бад-ин бадраҳои гуҳар гунагун
Наҷӯем кину бишӯем хун?

Сари тоҷдоре фурӯшам ба зар,
Ки на тоҷ боду на тахту на фар?!

Сари бебаҳоро ситонад баҳо
Магар бадтар аз баччаи аждаҳо.

Кӣ гӯяд, ки ҷони гиромӣ писар
Баҳо мекунад пиргашта падар?

Бад-ин хоста нест моро ниёз,
Сухан чанд гӯем чандин дароз.

Падар то бувад зинда, бо пирсар
Аз ин кин нахоҳад кушодан камар.

Паёмат шунидам, ту посух шунав,
Якояк бигиру ба зудӣ бирав».

Фиристода к-он[2] ҳавли гуфтор дид,
Нишасти Манучеҳри солор дид,

Бипажмурду бархост ларзон зи ҷой,
Ҳам он гаҳ ба зин андаровард пой.

Ҳама буданиҳо ба равшанравон
Бидид он гаронмоя марди ҷавон,

Ки бо Туру бо Салм гардонсипеҳр
На бас дер чин андарорад ба чеҳр.

Биёмад ба кирдори боди дамон,
Саре пур зи посух, диле пургумон.[3]

1. М – жандапилону.
2. Л – Фиристода он.
3. И – бадгумон.

www.sattor.com

Зи дидор чун Ховар[1] омад падид,
Ба ҳомун кашида саропарда дид.

Биёмад ба наздики пардасарой,
Ба парда - дарун буд ховархудой.

Яке хаймаи парниён сохта,
Ситора зада,[2] ҷой пардохта.

Ду шоҳи ду кишвар нишаста ба роз,
Бигуфтанд, к-«Омад фиристода боз».

Биёмад ҳамон гоҳ солори бор,
Фиристодаро бурд зӣ шаҳрёр.

Нишастангаҳи нав биёростанд,
Зи шоҳи навоин хабар хостанд.

Биҷустанд ҳар гунаро огаҳӣ
Зи дайҳиму аз тахти шоҳаншаҳӣ.

Зи шоҳ Офаридуну аз лашкараш,
Зи гурдони ҷангиву аз кишвараш.

Ва дигар зи кирдори[3] гардонсипеҳр,
Ки дорад ҳаме бар Манучеҳр меҳр.

Бузургон кадоманду дастур кӣ?[4]
Чӣ моясташон ганҷу ганҷур кӣ?[5]

Фиристода гуфт он ки равшанбаҳор[6]
Набинад,[7] бубинад дари шаҳрёр,

1. Л – Чу аз роҳи Ховар хур.
2. Л – Ситода рада.
3. И – гарданда.
4. ИЛ – кист.
5. ИЛ – кист; ТПЗИ – пас. аз ю. 753 ин б. омада:
Сипаҳдорашон чанду солор кист?
Ба ҷанг - андарун номбардор кист?
Л - Инондорашон чанду солор чанд?
Зи ҷанговарон номбардор чанд?
6. Л – хуррамбаҳор.
7. И – Надиду.

www.sattor.com

Баҳорест хуррам дар андар биҳишт,
Ҳама хок анбар, ҳама зарр[1] хишт.

Сипеҳри барин кохи айвони[2] ӯст,
Биҳишти барин рӯи хандони ӯст.

Ба болои айвони ӯ роғ нест,
Ба паҳнои майдони ӯ боғ нест.

Чу рафтам ба наздики айвон фароз,
Сараш бо ситора ҳамегуфт роз.

Ба як даст пилу ба як даст шер,
Ҷаҳоне ба тахт андаровaрда[3*4] зер.

Абар пушти пилон-ш бар тахти зар
Зи гавҳар ҳама тавқи шерони нар.

Табиразанон[5] пеши пилон ба пой,
Зи ҳар сӯ хурӯшидани карриной.

Ту гуфтӣ, ки майдон бичӯшад ҳаме,
Замин б-осмон[6] бархурӯшад ҳаме.

Хиромон шудам пеши[7] он арҷманд,
Яке тахти пирӯза дидам баланд.

Нишаста бар ӯ шаҳрёре чу моҳ,
Зи ёқути рахшон ба сар-бар кулоҳ.

Чу кофур мӯю чу гулбарг рӯй,
Дил озармҷӯю забон чарбгӯй.[8]

---

1. Л – зар чу.
2. ИЛ – коху майдони.
3. ИЛ – оварида ба.
4. М – ҷаҳон тахти ӯ оварида ба.
5. И – Табира ҳама.
6. И – з-осмон.
7. И – назди.
8. Л – гармгӯй; И – Дил оромҷӯю забон ростгӯй.

www.sattor.com

Ҷаҳонро аз ӯ дил ба тарсу умед,
Ту гуфтӣ, магар зинда шуд Ҷаммшед.

Манучеҳр чун зодсарви[1] баланд,
Ба кирдори Таҳмураси Девбанд

Нишаста бари шоҳ бар дасти рост,
Ту гуфтӣ равону[2] дили подшост.

Зи оҳангар он Коваи пурҳунар,
Ба пешаш яке размдида писар.

Куҷо номи ӯ Қорани размзан,
Сипаҳдори бедори лашкаршикан.

Чу шоҳи Яман Сарв дастури шоҳ,
Чу пирӯз Гаршосп-ганҷури шоҳ.[3]

Шумори дари ганҷҳо нопадид,
Кас андар ҷаҳон он бузургӣ надид.

Ҳама гирди айвон дурӯя сипоҳ,
Ба зарринамуду ба зарринкулоҳ.

---

1. И – род.
2. И – забону.
3. ТПЗ – Ба чап-барш Гуштоспи кишваркушой,
Ду фарзанди пурмоя пешаш ба пой.
Наримони ҷангиву фархунда Сом,
Ки аз пилу шерон баророанд ком.
Ғуломони румиву чинӣ ҳазор,
Ҳама пок бо тавқу бо гӯшвор.
Ҳама баста доман як андар дигар,
Ба наздики Гаршосп бар пой-бар.
Ҷаҳонпаҳлавон гар биҷунбад зи ҷой,
Ҷаҳоне ба размаш надоранд пой.
Кӣ ёрад шудан пеши ӯ ҷангҷӯй,
Ки шашсад ман афзун бувад гурзи ӯй.
Агар бар замин барзанад гурзи кин,
Битарсад замону биларзад замин.
Чи рӯбаҳ ба пешаш, чи дарранда шер,
Чи марде ба пешаш, чи сесад далер,
Ба каф теғ Соми Наримон ба пой,
Ҳаме хун чаконид аз кин ба ҷой.

www.sattor.com

Сипаҳдор чун Қорани ковиён
Ба пеши сипоҳ - андарун кордон.

Мубориз чу Шерӯи даррандашер,
Чу Шопури ял жандапили далер.

Чу банданд[1] бар кӯҳаи пил кӯс,
Ҳаво гардад аз гард чун обнӯс.

Гар оянд зӣ мо ба ҷанг он гурӯҳ,
Шавад кӯҳ ҳомуну ҳомун чу кӯҳ.

Ҳама дил пур аз кину пурчин бурӯ.[2]
Ба ҷуз ҷангашон нест чиз орзу.[3]

Бар эшон ҳама баршумурд, он чӣ дид,
Сухан низ, к-аз Офаридун шунид.

Ду марди ҷафопешаро дил зи дард
Бупечиду шуд рӯяшон[4] лоҷвард.

Нишастанду ҷустанд ҳар гуна рой,
Суханро на сар буд пайдо, на пой.

Ба Салми бузург он гаҳе Тур гуфт,
Ки «Орому шодӣ бибояд нуҳуфт.

Набояд, ки он баччаи наррашер
Шавад тездандону гардад далер.

Чунон номвар[5] беҳунар чун бувад,
К-аш омӯзгор[6] Офаридун бувад?

Набера чу шуд ройзан бо ниё,
Аз он ҷойгаҳ бардамад кимиё.

1. ИЛ – Чун ӯ баст.
2. И – рӯй.
3. И – Ҷуз аз ҷангашон нест ҳеч орзуй.
4. И – рӯй чун.
5. И – пурҳунар.
6. ИЛ – Ки омӯзгораш.

www.sattor.com

Бибояд басечид моро бар ҷанг,
Шитоб оваридан ба ҷои диранг».

Зи лашкар саворон[1] бурун тохтанд,
Зи Чину зи Ховар сипаҳ[2] сохтанд.

Фитод андар он буму бар гуфтугӯй,
Ҷаҳоне[3] бад-эшон ниҳоданд рӯй.

Сипоҳе, ки онро карона набуд,
Бад он буд, ахтар ҷавона набуд.

Ду лашкар зи Турон ба Эрон кашид,
Ба ҳафтону хӯд - андарун нопадид.

Або жандапилону бо хоста
Ду хунӣ ба кина дил ороста.

ФИРИСТОДАНИ ФАРИДУН МАНУЧЕҲРРО БА ҶАНГИ ТУР ВА САЛМ

Ҳамон гаҳ хабар бо[4] Фаридун расид,
Ки лашкар бад-ин сӯи Ҷайҳун расид,

Бифармуд пас, то Манучеҳршоҳ
Зи паҳлӯ ба ҳомун гузорад сипоҳ.

Яке достон зад ҷаҳондида кай,
Ки марди ҷавон чун бувад некпай.

Ба дом оядаш носиголида меш,
Паланг аз паси пушту сайёд пеш.

Шикебову бо[5] ҳушу рою хирад
Ҳижабри жиёнро ба дом оварад.

1. И – саронро.
2. Л – қашар.
3. И – Сипоҳе.
4. Л – зӣ.
5. ИЛ – Шикебоиву.

www.sattor.com

Ва дигар куҷо[1] мардуми бадкуниш,
Ба фарҷом рӯзе бипечад танаш.

Ба бодафраҳ он гаҳ шитобидаме,
Ки тафсидаоҳан битобидаме.

Манучеҳр гуфт: «Эй сарафроз шоҳ,
Кӣ ояд ба наздики ту кинахоҳ?

Магар бад сиголад бад-ӯ рӯзгор,
Ба ҷону тани худ хурад зинҳор?

Ман инак миёнро ба румизиреҳ
Бибандам, ки накшоям аз тан гиреҳ.

Ба кин ҷустан аз дашти овардгоҳ
Барорам ба хуршед гарди сипоҳ.

Аз он анҷуман кас надорам ба мард,
Куҷо ҷуст ёранд бо ман набард!»

Бифармуд, то Қорани размҷӯй
Зи паҳлӯ ба дашт андаровард рӯй.

Саропардаи шоҳ берун кашид,
Дурафши ҳумоюн ба ҳомун кашид.

Ҳаме рафт лашкар гурӯҳогурӯҳ,
Чу дарё биҷӯшид[2] ҳомуну кӯҳ.[3]

Чунон тира шуд рӯзи равшан зи гард,
Ту гуфтӣ, ки хуршед шуд лоҷвард.

Зи лашкар[4] баромад саросар хурӯш,
Ҳаме кар шудӣ мардуми тезгӯш.

Хурӯшидани тозиаспон ба дашт
Зи бонги табира ҳаме баргузашт.

1. Л – зи бад.
2. И – Чу дарёи ҷӯшида.
3. Л – б. 806 нест.
4. ИЛ – кишвар.

www.sattor.com

Зи лашкаргаҳи паҳлавон бар[1] ду мил
Кашида дурӯя рада[2] жандапил.

Аз он шаст бар пушташон[3] тахти зар,
Ба зар андарун чанд гуна гуҳар.

Чу сесад буна барниҳоданд бор,
Чу сесад ҳамон аз дари корзор.

Ҳама зери баргустувон - андарун
Набудшон ба ҷуз чашм з-оҳан бурун.

Саропардаи шоҳ берун заданд,[4]
Зи Таммиша лашкар ба ҳомун шуданд.[5]

Сипаҳдор чун Қорани кинадор,
Саворони ҷангӣ чу сесад ҳазор.

Ҳама номдорони ҷавшанварон
Бирафтанд бо гурзҳои гарон.[6]

Далерон якояк чу шери жиён
Ҳама баста бар кини Эраҷ миён.

Ба пеш - андарун ковиёнӣ дурафш,
Ба чанг - андарун теғҳои бунафш.[7]

Манучеҳр бо Қорани пилтан
Бурун омад аз бешаи Норван.

Биёмад, ба пеши сипаҳ баргузашт,
Биёрост лашкар бар он паҳндашт.

Чапи лашкарашро ба Гаршосп дод
Абар маймана Соми ял бо Қубод,

---

1. Л – то.
2. Л- сафи.
3. ИЛ – Бубаст аз бари шасташон.
4. И – кашид.
5. И – кашид.
6. Л – б. 815, 816 нест.
7. И – б. 818 нест.

www.sattor.com

Рада баркашиданд яксар сипоҳ,
Манучеҳр бо Сарв дар қалбгоҳ.

Ҳаме тофт чун маҳ миёни гурӯҳ,
Ва ё меҳри тобон бар афрози кӯҳ.[1]

Сипаҳкаш чу Қоран, мубориз чу Сом,
Сипаҳ теғҳо баркашид аз ниём.

Талоя ба пеш - андарун чун Қубод,
Каминвар чу гурди Талимоннажод.[2]

Яке лашкар ороста чун арӯс
Ба шерони ҷангиву овои кӯс.

Ба Туру ба Салм огаҳӣ тохтанд,
Ки эрониён[3] ҷангро сохтанд.

Зи беша ба ҳомун кашиданд саф,
Зи хуни ҷигар бар лаб оварда каф.

Ду хунӣ ҳамон бо сипоҳи гарон
Бирафтанд оганда аз кин сарон.

Кашиданд лашкар ба дашти набард,
Алонону дарё паси[4] пушт кард.

Якояк талоя биёмад Қубод,
Чу Тур огаҳӣ ёфт, омад чу бод.

Бад-ӯ гуфт: «Назди Манучеҳр шав,
Бигӯяш, ки эй бепадар, шоҳи нав!

Агар духтар омад зи Эраҷ падид,[5]
Ба ту тоҷу тахту нигин чун сазид»?![6]

1. Л – б. 822, 823 нест.
2. ИЛ – Наримоннажод.
3. ИЛ – киноварон.
4. ИЛ – дарёш дар.
5. ИЛ – нажод.
6. ИЛ – Туро теғу кӯполу ҷавшан кӣ дод?

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт: «Оре, гузорам паём
Бад-ин сон, ки гуфтиву бурдӣ ту ном.

Валекин чу андеша гардад дароз,
Хирад бо дили ту нишинад ба роз.

Бидонӣ, ки корест з-андоза беш,
Битарсӣ аз ин хом гуфтори хеш.

Агар бар шумо дому дад рӯзу шаб
Ҳаме гирядӣ, нестӣ бас аҷаб,

Ки аз бешаи Норван то ба Чин
Саворони ҷангаду мардони[1] кин.

Дурафшидани теғҳои бунафш
Чу бинед бо ковиёнӣ дурафш,

Бидаррад дилу мағзатон аз ниҳеб,
Баландӣ надонед боз аз нишеб».[2]

Қубод омад он гаҳ ба наздики шоҳ,
Бигуфт, он чӣ бишнид аз он размхоҳ.

Манучеҳр хандиду гуфт он гаҳе,
Ки «Чунин нагӯяд, ба ҷуз[3] аблаҳе.

Сипос аз ҷаҳондори ҳарду[4] ҷаҳон,
Шиносандаи ошкору ниҳон,

Ки донад, ки Эраҷ ниёи ман аст,
Фаридуни фаррух гувои ман аст.[5]

Кунун гар ба ҷанг андарорем сар,
Шавад ошкоро нажоду гуҳар.

---

1. ИЛ – шерони.
2. ТПЗ – Чу бишнид гуфтори фаррух Қубод,
   Дижам гашту баргашту посух надод.
3. ИЛ – магар.
4. Л – ҷаҳонбон худои.
5. И – б. 844 нест.

www.sattor.com

Ба фарри Худованди хуршеду моҳ,
Ки чандон намонам варо дастгоҳ,

Ки барҳам занад мижжа[1] зеру забар,
Абетан ба лашкар намоям-ш сар.

Бихоҳам аз ӯ кини фаррух падар,
Кунам подшоҳиш зеру забар».

Бифармуд, то хон биёростанд,
Нишастангаҳи руду май хостанд.

ТОХТ КАРДАНИ МАНУЧЕҲР БАР СИПОҲИ ТУР

Бад-он гаҳ ки равшанҷаҳон тира гашт,
Талоя пароканд бар гирди дашт,

Ба пеши сипаҳ Қорани размзан
Або ройзан Сарв-шоҳи Яман.

Хурӯше баромад зи пеши сипоҳ,
Ки «Эй номдорону шерони шоҳ.

Бидонед, к-ин ҷанги оҳарман аст,
Ҷаҳонофаринро ба дил душман аст.

Миён баста доредy бедор бед,
Ҳама дар паноҳи ҷаҳондор бед!

Касе к-ӯ шавад кушта з-ин размгоҳ,
Биҳиштӣ шавад, шуста пок аз гуноҳ.

Ҳар он кас, ки аз лашкари Чину Рум[2]
Бирезанд хуну бигиранд бум,[3]

Ҳама некноманд то ҷовидон,
Бимонанд бо фарраи мӯбадон.

1. ИЛ – чашм.
2. И – Руму Чин.
3. И – Бирезанд хун андар ин дашти кин.

www.sattor.com

Ҳам аз шоҳ ёбанд дайҳиму тахт,
Зи солор зарру зи додор бахт.

Чу пайдо шавад чоки рӯзи сапед,
Ду баҳра бипаймояд аз рӯз[1] шед,

Бубандед яксар миёни ялӣ
Або гурзу бо ханҷари кобулӣ.

Бидоред яксар ҳама ҷои хеш,
Яке аз дигар пой манҳед пеш».

Сарони сипаҳ меҳтарони далер
Кашиданд саф пеши солори шер.

Ба солор[2] гуфтанд: «Мо бандаем,
Худ андар ҷаҳон баҳри шаҳ зиндаем.

Чу фармон диҳад, мо ҳам эдун кунем,
Заминро ба ханҷар чу Ҷайҳун кунем!»

Сӯи хаймаи хеш боз омаданд,
Ҳама бо сари[3] кинасоз омаданд.

Сапеда чу аз ҷои худ бардамид,
Миёни шаби тира - андар хамид,

Манучеҳр бархост аз қалбгоҳ,
Або ҷавшану теғу румикулоҳ.

Сипаҳ яксара наъра бардоштанд,
Синонҳо ба абр - андар афроштанд.

Пур аз хашм сар, абрувон пур зи чин,
Ҳаме барнаваштанд рӯи замин.

Чапу росту қалбу ҷаноҳи сипоҳ
Чу боист лашкар, биёрост шоҳ.

1. Л – чарх.
2. ИЛ – Ба овоз.
3. И – дили.

www.sattor.com

Замин шуд ба кирдори кишті бар об,
Ту гуфті, сўи ғарқ дорад шитоб.

Бизад мўҳра бар кўҳаи жандапил,
Замин ҷунб-ҷунбон[1] чу дарёи Нил.

Ҳам аз пеши пилон табиразанон,
Хурўшону ҷўшон чу шери дамон.

Яке базмгоҳ аст, гуфті, ба ҷой
Зи шайпуру нолидани[2] каррной.

Бирафтанд аз ҷой яксар чу кўҳ
Деҳодеҳ бaромад зи ҳарду гурўҳ.

Биёбон чу дарёи хун шуд дуруст,
Ту гуфті, зи рўи замин лола руст.

Паи жандапилон ба хун - андарун,
Чунон чун зи беҷода бар по сутун.[3]

Ҳама чирагі бо Манучеҳр буд,
К-аз ў мағзи геті пур аз меҳр буд.

---

1. ИЛ – гашт ҷунбон.
2. Л – в-аз нолаи.
3. ТПЗ – Яке паҳлавон буд, Шерўй ном,
Далеру сарафрозу ҷўянданом.
Биёмад зи туркон чу як лахт кўҳ,
Шуданд аз ниҳебаш далерон сутўҳ,
Чу Қоран нигаҳ кард, ўро бидид,
Бизад дасту шамшери кин баркашид.
Биғуррид Шерўй чун наррашер,
Яке найза зад бар миёнаш далер.
Дили Қоран озурда шуд аз ниҳеб,
Намонд он замон бо диловар шикеб.
Чу Соми сипаҳбад бад-ў бингарид,
Биғуррид чун раъду пешаш давид.
Нигаҳ кард Шерўю шуд чун паланг,
Ба пеши диловар даромад ба ҷанг.
Яке гурз зад бар сари Соми шер,
Ки шуд Сомро рўй ҳамчун зарир.
Сару тарги он номвар кард хурд
В-аз он пас ба шамшери кин даст бурд.
Сўи лашкари хеш карданд рўй
Ду гурди сарафрози пархошҷўй.

www.sattor.com

Чунин то шаби тира сар баркашид,
Дурахшанда хуршед шуд нопадид.

Замона ба як сон надорад диранг,
Гаҳе шаҳд нӯш асту[1] гоҳе шаранг.

---

1. И – меҳр нӯш асту.

Ба пеши саф омад ба кирдори бод,
Ба фаррух Манучеҳр овоз дод,
Ки "Эй паҳлавон, ку сипаҳдоратон,
Ки Гаршосп хонад ҷаҳондоратон?
Агар дар набарди ман ояд кунун,
Бипӯшонамаш ҷавшани лолагун.
Дар Эрон ҷуз ӯ нест ҳамтоби ман,
Надорад ҳам ӯ низ поёби ман.
Дар Эрону Турон чу ман нест кас,
Ҳамоварди ман паҳлавон аст бас.
Сари теғи ман хуни шерон хурад,
Ҳамон гурз мағзи далерон хурад.
Чу теғи ман аз кина ояд бурун,
Кунад ҳафт кишвар чу дарёи хун!»
Чу бишнид Гаршосп, з-он сӯ кашид,
Чу наздики солори Ховар расид,
Ба Шерӯи гарданкаш овоз кард,
Зи бонгаш биларзид дашти набард,
Ки «Эй хирасар, рӯбаҳи дерсоз,
Маро кардаӣ ёд з-он сарфароз!
Туро пеши ман зӯру фарзонагист,
Кунун миғфарат бар ту хоҳад гирист».
Чунин дод посух, ки «Шерӯ манам,
Сари жандапилон зи тан барканам».
Барангехт аспу биёмад дамон,
Ту гуфтӣ, магар гашт кӯҳе равон,
Сарафроз Гаршосп чун бингарид,
Бихандид, чун турки Шерӯ бидид,
Бад-ӯ гуфт Шерӯ, ки «Эй зӯрманд,
Ба пайкор пеши далерон маханд».
Бад-ӯ гуфт Гаршосп, к-«Эй девмард,
Чӣ гуна нахандам ба дашти набард,
Ки пешам ту оиву ҷанг оварӣ,.
Маро ханда ояд, бад-ин доварӣ.»
Бад-ӯ гуфт, к-«Эй пири баргаштабахт,
Чаро сер гаштӣ ту аз тоҷу тахт?
Ки разми маро кардаӣ орзуй,
Равон созам аз хунат эдар ба ҷӯй».
Чу бишнид Гаршосп, гурзи гарон
Зи зин баркашиду бияфшурд рон.
Бизад бар сараш гурзаи говрӯй,
Ба хок андаромад сари ҷангҷӯй.

www.sattor.com

Дили Туру Салм омад аз ғам ба ҷӯш,
Ба роҳи шабехун ниҳоданд гӯш.[1]

Чу шаб рӯз шуд, кас наёмад ба ҷанг,
Ду ҷангӣ гирифтанд рои[2] диранг.

КУШТА ШУДАНИ ТУР БАР ДАСТИ МАНУЧЕҲР

Чу аз рӯзи рахшанда ниме бирафт,
Дили ҳарду ҷангӣ зи кина битафт.

Ба тадбир бо якдигар сохтанд,
Ҳама рои беҳуда андохтанд,

Ки чун шаб шавад мо шабехун кунем,
Ҳама дашту ҳомун пур аз хун кунем.»

Чу омад шабу рӯз шуд дар ниҳон,
Сиёҳӣ гирифта саросар ҷаҳон,

Ду бедодгар лашкар оростанд,
Шабехун ҳаме б-орзу хостанд.

Чу корогаҳон огаҳӣ ёфтанд,
Давон зӣ Манучеҳр биштофтанд.

Шунида ба[3] пеши Манучеҳршоҳ
Бигуфтанд, то барнишонад сипоҳ.

---

1. ИЛ – кӯш.
2. ИЛ – сози.

Замоне биғалтид дар хоку хун,
Ҳама мағзаш аз хӯд омад бурун.
Бар он хок-бар ҷони ширин бидод.
Ту гуфтӣ, ки Шерӯ зи модар назод.
Далерони Турон ҳама ҷангҷӯй,
Ба Гаршосп яксар ниҳоданд рӯй.
Биғуррид Гаршосп дар қалбгоҳ,
Зи бимаш биларзид хуршеду моҳ.
Ба тиру камону ба шамшери тез
Дарафканд дар саркашон растахез.

3. Л – Расиданд.

www.sattor.com

Манучеҳр бишниду бикшод гӯш,
Сӯи чора шуд марди бисёрҳуш.

Сипаҳро саросар ба Қоран супурд,
Камингоҳ бугзид солори гурд.

Бибурд аз сарон[1] номвар сӣ ҳазор
Далерону*[2] мардони ханҷаргузор.

Камингоҳро ҷой шоиста дид,
Саворони ҷангиву боиста дид.

Чу шаб тира шуд, Тур бо сад ҳазор
Биёмад камар бастаи корзор.

Шабехун сиголидаву сохта,
Синонро ба абр - андар афрохта.

Чу омад, сипаҳ дид бар ҷои хеш,
Дурафши фурӯзанда бар пой пеш.

Ҷуз аз ҷангу пайкор чора надид,
Хурӯш аз миёни сипаҳ баркашид.

Зи гарди саворон ҳаво баст меғ,
Чу барқи дурахшанда пӯлодтеғ.[3]

Ҳаворо, ту гуфтӣ, ҳама барфурӯхт,
Чу алмос рӯи заминро бисӯхт.

Ба мағз - андарун бонги пӯлод хост,
Ба абр - андарун оташу бод хост.[4]

---

1. И – ялон.
2. М – гурдони.
3. Л – пас аз б. 898 ин б. омада:
   Чу шаб рӯз шуд, ҳамчунон ҷангҷӯй
   Ду лашкар ба рӯй - андар овард рӯй.
4. ТПЗ – Ду лашкар ба як ҷо шуда сахткӯш,
   Ба гардун дарафтода бонгу хурӯш.
   Шаби тираву рӯи ҳомун чу қир,
   Зи ҳар сӯ биборид борони тир.
   Сипаҳдори туркон чу боди дамон
   Ба теғ оварида сипаҳ он замон.

www.sattor.com

Баровард шоҳ аз камингоҳ сар,
Набуд Турро аз дурӯя гузар.[1]

Инонро бупечиду баргошт рӯй,
Баромад зи лашкар ҳаме[2] ҳою ҳуй.

Дамон аз пас - андар Манучеҳршоҳ
Расид андар он номвар кинахоҳ.

Яке бонг барзад ба бедоргар,
Ки «Бош, эй ситамгори пархошхар!

Бибуррӣ сари бегуноҳон чунин,
Надонӣ, ки ҷӯяд ҷаҳон аз ту кин».[3]

Яке найза андохт бар пушти ӯй,
Нагунсор шуд ханҷар аз мушти ӯй.

Зи зин баргирифташ ба кирдори бод,
Бизад бар замин, доди мардӣ бидод.

Сарашро ҳамон гаҳ зи тан дур кард,
Даду домро аз танаш сур кард.[4]

Ҷаҳонҷӯй Қоран чу ошуфта пил
Замин карда аз хун чу дарёи Нил.
Зи хун рӯи саҳро чу ҷӯи равон,
Зи бонги саворон ҷаҳон пурфиғон.
Дар он кину ошӯбу дору бикӯш,
На бо асп зӯру на бо мард хуш.

1. ТПЗ – Пасу пеши ӯ лашкари ҷангҷӯй,
Ба рӯй андароварда буданд рӯй.
Чу Тур ончунон дид, саргашта шуд,
Бидонист, к-аш бахт баргашта шуд.

2. ИЛ – яке.

3. ИЛ – б. 904, 905 нест.

4. ТПЗ – Фалакро надонам чӣ дорад гумон,
Ки надҳад касеро ба ҷон худ амон.
Касеро агар солҳо парварад,
Дар ӯ ҷуз ба хубӣ даме нангарад,
Чу эмин кунад мардро як замон,
Аз он пас битозад бар ӯ бегумон.
Зи тахт андарорад, нишонад ба хок,
Аз ин кор не тарс дорад, на бок.

www.sattor.com

Биёмад ба лашкаргаҳи хеш боз,
Бидид он нишони нишебу фароз.

ФАТҲНОМАИ МАНУЧЕҲР НАЗДИ ФАРИДУН

Ба шоҳ Офаридун яке нома кард
Зи неку бади рӯзгори набард.

Нахуст аз ҷаҳонофарин кард ёд,
Худованди хубиву покиву дод.

Сипос аз ҷаҳондори фарёдрас,
Нагирад ба сахтӣ ҷуз ӯ даст кас,

Ки ӯ раҳнамоясту ҳам дилкушой,
Ки ҷовид бошад ҳамеша ба ҷой.[1]

Дигар, офарин бар Фаридуни бурз,[2]
Худованди тоҷу худованди гурз.[3]

Ҳамаш доду ҳам дину ҳам фарраҳӣ,
Ҳамаш тоҷу[4] ҳам[5] тахти[6] шоҳаншаҳӣ.

Ҳама ростӣ рост аз бахти ӯст,
Ҳама фарру зебӣ аз тахти ӯст.[7]

Расидам ба фаррат[8] ба Туронзамин,
Сипаҳ баркашидему ҷустем кин.

Ба меҳраш мадор, эй бародар, умед,
Агарчи диҳад бекаронат навид.
Манучеҳр чун гашт пирӯзбахт,
Сари Тур бубриду баргашт сахт.

1. Л – б. 913 нест.
2. Л – Фаридуншоҳ.
3. Л – гох.
4. И – ному.
5. Л – Ҳамаш лашкару.
6. И – ганҷи.
7. ТПЗ – Ба фармони додори додофарин
   Ҷаҳон шуд зи додаш пур аз офарин.
8. ИЛМ – хубӣ.

www.sattor.com

Се ҷанги гарон карда шуд дар ду рӯз,
Чи дар шаб, чи бо хури гетифурӯз.

Аз эшон шабехуну аз мо камин,
Кашидему ҷустем ҳар гуна кин.[1]

Шунидам, ки сози шабехун гирифт,
Ба бечорагӣ роҳи афсун гирифт,

Камин сохтам аз паси пушти ӯй,
Намондам ба ҷуз бод дар мушти ӯй.

Якояк чу аз ҷанг баргошт рӯй,
Пай - андар гирифтам, расидам бад-ӯй.

Ба хафтон-ш-бар найза бигзоштам,
Чу бод аз сари зин-ш бардоштам.

Бияфкандамаш[2] чун яке аждаҳо,
Буридам сараш з-он тани бебаҳо.

Фиристодам инак ба назди ниё,
Бисозам кунун Салмро кимиё.

Чунон чун сари Эраҷи шаҳрёр
Ба тобути зар андарафканд хор.

Бар ӯ-бар набахшуду шармаш надошт,
Ҷаҳонофаринам бар ӯ баргумошт.

Раҳондам[3] зи тан ҳамчунон ҷони ӯй,
Ки вайрон кунам кишвару хони ӯй.[4]

---

1. Л – б. 919 нест;
   ТПЗ – Ба пирӯзии номвар шаҳрёр
   Баровардам аз душманонмон димор.
   Ҳамон Тури бадкори баргаштабахт
   Або сад ҳазорон саворони сахт.
2. Л – Бияндохтам.
3. Л – Буридам.
4. ТПЗ – Сари ӯ ба найза фиристодамат,
   Зи дил банди андӯҳ бикшодамат.
   Бисозам ҳамон кори Салми бузург,
   Равам бар сараш ҳамчу бар меш гург.

www.sattor.com

Ба нома - дарун чун ҳама кард ёд,
Ҳаюне барафканд чун тундбод.

Фиристода шуд бо рухи[1] пур зи шарм,
Ду чашм аз Фаридун пур аз оби гарм,

Ки чун бурд хоҳад сари шоҳи Чин
Бурида бари шоҳи Эронзамин,

Ки фарзанд ҳарчанд печад зи дин,
Бисӯзад ба маргаш падар ҳамчунин.

Гунаҳ бас гарон буд, пӯзиш набурд,
Ва дигар, ки кинхоҳ нав буду гурд.

Биёмад фиристодаи шӯхрӯй,
Сари Тур бинҳод дар пеши ӯй.

Фаридуни шаҳ бар Манучеҳр-бар
Ҳаме офарин хонд аз додгар.

ГИРИФТАНИ ҚОРАН ДИЖИ АЛОНОНРО

Ба Салм огаҳӣ рафт аз ин размгоҳ
В-аз он тирагӣ, к-андар омад ба роҳ.[2]

Паси пушташ андар яке ҳисн буд,
Бароварда сар то ба чархи кабуд.

Чунон хост, к-ояд бад-он ҳисн боз,
Ки дорад замона нишебу фароз.

Пас, он гаҳ Манучеҳр аз он ёд кард,
Ки гар Салм печид рӯй аз набард.[3]

Агар Салм дар жарфи дарё шавад,
В-агар бар фалак чун сурайё шавад,
Ба чанг орамаш, сар бибуррам зи тан,
Бисозам варо коми шерон кафан!

1. И – омада рухи; Л – рухе.
2. ТПЗ – Ғамин гашту печон шуд аз рӯзгор,
Ба марги бародар бимӯид зор.
3. Л – Ҳамон ин сухан шоҳ андеша кард,
Ки пардозад аз Салм рӯзи набард.

www.sattor.com

Алонондижаш бошад оромгоҳ,
Сазад, гар бар ӯ - бар бигирем роҳ,

Ки гар ҳисни дарё шавад ҷои ӯй,
Касе нагсилонад зи бун пои ӯй.

Яке ҷой дорад сар андар саҳоб,
Ба чора бароварда аз қаъри об.

Ниҳода зи ҳар чиз ганҷе ба ҷой,
Фиканда бар ӯ[1] соя парри ҳумой.

Маро рафт бояд бад-ин чора[2] зуд,
Рикобу инонро бибояд бисуд.

Чу андеша кард, он ба Қоран бигуфт,
Куҷо буд он розҳо дар нуҳуфт.

Чу Қоран шунид он суханҳо зи шоҳ,
Чунин гуфт, к-«Эй меҳтари некхоҳ,

Агар шоҳ бинад, зи ҷанговарон
Ба кеҳтар супорад сипоҳи гарон.

Дари чораи ӯ бигирам ба даст,
К-аз он роҳи ҷанг асту з-он роҳи ҷаст.

Бибояд дурафши ҳумоюни шоҳ,
Ҳам ангуштари Тур бо ман ба роҳ.[3]

Бихоҳам кунун чорае сохтан,
Сипаҳро ба ҳисн - андар андохтан.

Шавам ман ҳам акнун бад-ин[4] тирашаб,
Бар ин роз бар ҳеч макшой лаб![5]

---

1. ИЛ – Бар ӯ н-афканад.
2. Л – кор.
3. И – б. 947-949 нест.
4. ИЛ – Ману гурд Гаршоспу ин.
5. ТП – Манучеҳр гуфтам, ки «Ин аст рой,
Бирав, к-ат нигаҳдор бодо Худой!»

www.sattor.com

Гузида зи номоварон шаш ҳазор,
Ҳама кордида гаҳи корзор.[1]

Чу рӯи ҳаво гашт чун обнӯс,
Ниҳоданд бар кӯҳаи пил кӯс.

Ҳама номдорони пархошҷӯй
Зи хушкӣ ба дарё ниҳоданд рӯй.[2]

Сипаҳро ба Шерӯй биспурду гуфт,
Ки «Ман хештанро бихоҳам нуҳуфт.

Шавам сӯи дижбон ба пайғамбарӣ,
Намоям бад-ӯ мӯҳри ангуштарӣ.[3]

Чу дар диж шавам, барфарозам дурафш
Дурафшон кунам теғҳои бунафш.

Шумо рӯй яксар сӯи диж ниҳед,
Чу ман бархурӯшам, кашеду диҳед».[4]

Сипаҳро ба наздики дарё[5] бимонд
Ба Шерӯи шеравжану худ биронд.

Биёмад, чу наздики диж даррасид,
Сухан гуфту диждор мӯҳраш бидид.

Бад-ӯ[6] гуфт: «К-аз назди Тур омадам,
Нафармуд, то як замон дам задам.

Маро гуфт, шав сӯи дижбон, бигӯй,
Ки рӯзу шаб орому хушшӣ маҷӯй,

Ту бо ӯ ба неку ба бад ёр бош,
Нигаҳбони диж бошу бедор бош!

---

1. ИЛ – б. 952 нест.
2. ТПЗ – Чу наздикии диж расиданд боз
Ялони далерони гардандароз.
3. ТПЗ – Ба чора магар баршавам бар фароз,
В-аз он пас ҳама кор бошад басоз.
4. И – диҳеду дамед.
5. И – наздикии диж.
6. ИЛ – Чунин.

www.sattor.com

Гар ояд дурафши Манучеҳршоҳ,
Сӯи диж фиристад ҳаме бо сипоҳ.

Шумо ёр бошеду нерӯ кунед,
Магар к-он сипоҳи варо бишканед».

Чу дижбон чунин гуфтаҳоро шунид,
Ҳамон мӯҳри ангуштариро бидид,

Ҳамон гаҳ дари диж кушоданд боз,
Бидид ошкоро, надонист роз.

Нигар, то сухангӯй деҳқон чӣ гуфт,
Ки рози дил он дид, к-ӯ дил нуҳуфт.

Марову туро бандагӣ пеша бод,
Або пеша-мон низ андеша бод!

Ба неку ба бад ҳарчӣ шояд будан,
Бибояд ҳаме достонҳо задан.

Чу диждор бо Қорани размҷӯй
Якояк ба бора ниҳоданд рӯй.

Яке бадсиголу яке содадил,
Сипаҳбад ба ҳар чора омодадил.[1]

Ба бегона-бар меҳри хешӣ ниҳод,
Бидод аз газофа сару диж ба бод.

Чунин гуфт бо бачча ҷангипаланг,
Ки «Эй пурҳунар баччаи тезханг,

Надониста дар кор тундӣ макун,
Бияндешу бингар зи сар то ба бун».

Ба гуфтори ширини бегонамард,
Бавижа ба ҳангоми нангу набард

Пижӯҳиш намою битарс аз камин,
Сухан ҳар чӣ бошад, ба жарфӣ бубин.

1. ИЛ – б. 972 нест.

www.sattor.com

Нигар, то яке меҳтари тезмағз
Пижӯҳиш чу нанмуд дар кор нағз,

Зи найранги душман накард эч ёд,
Ҳисоре бад-он гуна барбод дод.[1]

Чу шаб рӯз шуд, Қорани размхоҳ
Дурафше барафрохт чун гирдмоҳ.

Хурӯшиду бинмуд як-як нишон
Ба Шерӯю гурдони гарданкашон.

Чу Шерӯй дид он дурафши каён,
Ҳаме рӯй бинҳод зӣ паҳлавон.

Дари ҳисн бигрифту андарниҳод,[2]
Саронро зи хун бар сар афсар ниҳод.

Ба як даст Қоран, ба як даст Шер,
Ба сар-бар зи теғ оташу об зер.

Чу хуршед бар теғи гунбад расид,
На оини диж буд,[3] на дижбон падид.

Яке дуд дидӣ сар андар саҳоб,
На диж буд пайдо, на киштӣ бар об.

Дурахшидани оташу бод хост,
Хурӯши саворону фарёд хост.

Чу хушеди тобон зи боло бигашт,
Ҳамон диж намуду ҳамон паҳндашт.

Бикуштанд з-эшон даҳу ду ҳазор,
Ҳаме дуд аз оташ баромад чу қор.

1. ИЛ – 974-979 нест.
2. И – сар дарниҳод.
3. И – диж буд пайдо.

www.sattor.com

Ҳама рӯи дарё шуда қиргун,
Ҳама рӯи саҳро шуда рӯди хун.[1]

ТОХТ КАРДАНИ КОКУЙ - НАБЕРАИ ЗАҲҲОК

Аз он ҷойгаҳ Қорани размхоҳ
Биёмад ба назди Манучеҳршоҳ.

Ба шоҳи навоин бигуфт, он чӣ кард
В-аз он гардиши рӯзгори набард.

Бар ӯ-бар Манучеҳр кард офарин,
Ки «Бе ту мабод аспу кӯполу зин.[2]

Ту з-эдар бирафтӣ, биёмад сипоҳ,
Навоин яке номвар кинахоҳ.[3]

Набера сипаҳдор[4] Заҳҳок буд,
Шунидам, ки Кокуи нопок буд.

Яке тохтан кард бо сад ҳазор,
Саворони гарданкашу номдор.[5]

Бикушт аз далерони мо чанд мард,
Ки буданд шерони рӯзи набард.

Кунун Салмро рои ҷанг омадаст,
Ки ёраш зи Дижҳухтганг омадаст.

Яке деви ҷангиш гӯянд ҳаст,
Гаҳи разм нобоку[6] бо зӯри даст.

---

1. ТПЗ – Зану кӯдакон зинҳорӣ шуданд,
Ба назди сипаҳбад ба зорӣ шуданд.
Бубахшудашон Қорани номдор
Ба пирӯзии давлати шаҳрёр.
2. ТПЗ – Чу шаҳ гашт аз Қорани гурд шод,
Суханҳо саросар бад-ӯ кард ёд.
3. ТПЗ – Або номвар лашкари сохта
Ҳама теғи кина барафрохта.
4. Л – ҷаҳондор.
5. И – найзадор.
6. ИЛ – Кунад разм нопок.

www.sattor.com

Ҳанӯз андар овард набсудамаш
Ба гурзи далерон напаймудамаш.

Чу ин бора ояд[1] сӯи мо ба ҷанг,
Варо баргироям, бубинам-ш санг».

Бад-ӯ гуфт Қоран, ки «Эй шаҳрёр,
Кӣ ояд ба пеши ту дар корзор?

Агар ҳамнабарди ту бошад паланг,*[2]
Бидаррад бар ӯ пӯст аз ёди ҷанг.

Кадом аст Кокую Кокуй чист?
Ҳамоварди ту дар ҷаҳон мард кист?[3]

Ман акнун ба ҳуши дилу пок мағз
Яке чора созам бар ин кор нағз,

К-аз ин пас сӯи мо зи Дижхухтганг
Чу Кокуи бемоя н-ояд ба ҷанг».

Бад-ӯ гуфт пас номвар шаҳрёр,
Ки «Дилро бад-ин кор ғамгин мадор.

Ту худ ранҷа гаштӣ бад-ин тохтан,
Сипаҳ бурдану кинаро сохтан.

Кунун гоҳи ҷанги ман омад фароз.[4]
Ту дам барзан, эй гурди гарданфароз.»

Бигуфт ину овози шайпуру ной
Баромад ҳам эдун зи[5] пардасарой.[6]

---

1. И – Чу он боз ояд; Л – Чу ин бор, к-ояд.
2. М – наҳанг.
3. Тп – Чу бархост овози шайпуру ной,
   Ба қалб - андарун шоҳ бигзид ҷой.
   Чунин гуфт Қоран ба шоҳи ҷаҳон,
   Чи дар ошкоро, чи андар ниҳон.
4. И – ҷанг омад, эй сарафроз.
5. И – зи даҳлези.
6. Л – зи парда ба ҳарду сарой.

www.sattor.com

Зи гарди саворону овои[1] кӯс
Ҳаво қиргун шуд, замин обнӯс.

Ту гуфтӣ, ки алмос ҷон дораде,
Ҳамон гурзу найза забон[2] дораде.

Деҳодеҳ хурӯш омаду доругир,
Ҳаво парри каргас шуд аз парри тир.

Фусурда зи хун панҷа бар дасти тeғ,
Чакон қатраи хун зи торикмеғ.

Ту гуфтӣ, замин мавҷ хоҳад задан,
В-аз ӯ мавҷ бар авҷ хоҳад шудан.[3]

Сипаҳдор Кокуй барзад ғирев,
Ба майдон даромад ба кирдори дев.[4]

Манучеҳр омад зи лашкар бурун,
Яке теғи ҳиндӣ ба чанг - андарун.

Зи ҳарду ғиреве баромад, ки кӯҳ
Бидарриду гаштанд тарсон гурӯҳ.[5]

---

1. ИЛ – Хурӯши саворону овози.
2. Л – Ҳаво гарди тира равон.
3. ИЛ – задан.
4. ИЛ – б. 1016 нест;
   ТПЗИЛ – Баровехта як ба дигар сипоҳ,
   Ҷаҳон гашта чун рӯи зангӣ сиёҳ.
   Ҳамон дам дамон гурд Кокуи шер
   Ба пеши сипоҳ андаромад далер.
   Миёни ду саф шоҳи озармҷӯй
   Ҳамон гурд Коку бад-ӯ кард рӯй.
   Бурун рафт Кокую барзад гирев,
   Баровехт бо шоҳ чун наррадев.
   Манучеҳр шуд, чун мар ӯро бидид,
   Ба кирдори шери жиён бардамид.
   Ба Кокуй – бар ҳамлае кард сахт.*
   Баромехт бо деви ҷангӣ зи бахт.
   * И – ду байти охир нест; Л – б. 1, 2, 4 нест.
5. ИЛ – б. 1017, 1018 нест.

www.sattor.com

Ту гуфтӣ ду пиланд, ҳар ду жиён,
Кушода ба кин дасту[1] баста миён.

Яке найза зад бар камарбанди шоҳ,
Ки ҷунбид бар сарш-ш румикулоҳ.

Зиреҳ то камарбанди ӯ бардарид,
Зи оҳан камаргоҳаш омад падид.

Яке теғ зад шоҳ бар гарданаш,
Ҳама чок шуд ҷавшан андар танаш.

Ду ҷангӣ[2] бар ин гуна то нимрӯз,
Ки гашт аз бараш[3] хури гетифурӯз,

Ҳаме чун палангон баровехтанд,
Ҳама хок бо хун баромехтанд.

Чу хуршед бар чархи гардон[4] бигашт,
Аз андоза овезаш андаргузашт.[5]

Дили шоҳ бар ҷанг баргашт танг,
Бияфшурд рону биёзид чанг.

Камарбанди Кокуй бигрифт хор,
Зи зин баргирифт он тани пилвор.

Бияндохт хаста бар он гармхок,
Ба шамшер кардаш бару сина чок.

Шуд он марди тозӣ зи тезӣ ба бод,
Чунон рӯзи бадро зи модар бизод.[6]

---

1. И – бару танг; Л – Кушода бару дасту.
2. Л – Ду хуни.
3. Л – Чу саргашта шуд.
4. ИЛ – Хуршеди тобон зи гунбаз.
5. И – Ба хун баста шуд кӯҳу дарёву дашт; Л – Ба хун ғарқа шуд кӯҳу дарёву дашт.
6. Л – Ҷуз он рӯзи бадро зи модар назод.

www.sattor.com

ГУРЕХТАНИ САЛМ ВА КУШТА ШУДАНИ Ӯ БА ДАСТИ МАНУЧЕҲР

Чу ӯ кушта шуд, пушти ховархудой
Шикаста шуду дигар омад-ш рой.

Тиҳӣ шуд зи кина сари кинадор,
Гурезон ҳаме рафт сӯи ҳисор.

Чу наздикии жарфдарё расид,
Нишони яке чӯби киштӣ надид.[1]

Пас андар сипоҳи Манучеҳршоҳ
Дамону данон баргирифтанд роҳ.

Чунон шуд зи бас куштаву хаста дашт,
Ки пӯяндаро роҳ душвор гашт.

Пур аз хашму пуркина солори нав
Нишаст аз бари чармаи тезрав.

Бияфканд баргустувону битохт,
Ба гирди сипаҳ чарма - андар нишохт.

Расид он гаҳе танг дар шоҳи Рум,
Хурӯшид, к-«Эй марди бедоди шум,

Бикуштӣ бародар зи баҳри кулоҳ,
Кулаҳ ёфтӣ, чанд пӯӣ ба роҳ?

Кунун тоҷат овардам, эй шоҳу тахт,
Ба бор омад он хусравонӣ дарахт.

Зи тоҷи бузургӣ гурезон машав!
Фаридун-т гоҳе биёрост нав.

Дарахте, ки биншондӣ,[2] омад ба бор,
Биёбӣ ҳам акнун бараш[3] дар канор.

1. ИЛ - б. 1032 нест.
2. ИЛ - парвардӣ.
3. ИЛ - Бубинӣ бараш хам кунун.

www.sattor.com

Гараш бор хор аст, худ киштаӣ,
В-агар парниён аст, худ риштаӣ».[1]

Ҳаме тохт асп андар ин гуфтугӯй,
Якояк ба тангӣ расид андар ӯй.

Яке теғ зад зуд бар[2] гарданаш,
Ба ду нима шуд хусравонӣ танаш.

Бифармуд, то сар-ш бардоштанд,
Ба найза ба абр - андар афроштанд.

Бимонданд лашкар шигифт андар ӯй,
Аз он зӯру он бозуи ҷангҷӯй.[3]

Ҳама лашакари Салм ҳамчун рама
Ки бипроканад[4] рӯзгори дама,

Гирифтанд бераҳ гурӯҳогурӯҳ,
Пароканда дар дашту дар ғору кӯҳ.

Яке пурхирад марди покизамағз,
Ки будаш забон пур зи гуфтори нағз.

Бигуфтанд, то зӣ Манучеҳршоҳ
Шавад гарму бошад забони сипоҳ.

Бигӯяд, ки мо[5] сар ба сар кеҳтарем,
Замин ҷуз ба фармони ту[6] наспарем.

Гурӯҳе худовандаи[7] чорпой,
Гурӯҳе худованди кишту сарой.

1. ТПЗИЛ- Чу дар гӯри танг устуворат кунанд,
Ҳама некӯ бад дар канорат кунанд.
2. И-бар бару.
3. И-Аз он зӯру болову он гуфтугӯй; Л-Аз он бурзу болою он гуфтугӯй.
4. Л-Пароканда кард.
5. ИЛ-гуфтанд мо.
6. Л-ӯ.
7. ИЛ-Гурӯҳе худованд бар.

www.sattor.com

Набудмон бад-ин кинагаҳ дастгоҳ,
Бибоист рафтан ба фармони шоҳ.[1]

Сипоҳе бад-ин размгоҳ омадем,
На бар орзу, кинахоҳ[2] омадем.

Кунун сар ба сар шоҳро бандаем,
Ба фармону рояш сар афкандаем.

Гараш рои кин асту хун рехтан,
Надорем нерӯи овехтан.

Сарон яксара пеши шоҳ омадем,[3]
Ҳамоно, ҳама бегуноҳ омадем.[4]

Биронад[5] ҳар он ком, к-ӯро ҳавост,
Бар ин бегунаҳ[6] ҷони мо подшост.

Бигуфт ин сухан марди бисёрҳуш,
Сипаҳдор хира бад-ӯ дод гӯш.

Чунин дод посух, ки «Ман коми хеш
Ба хок афканам, баркашам номи хеш.

Ҳар он чиз, к-он н-аз раҳи эзадист,
Ҳама роҳи аҳриман асту[7] бадист,

Саросар зи дидори ман дур бод,
Бадиро тани дев ранҷур бод.

Шумо гар ҳама кинадори манед,
В-агар дӯстдореду[8] ёри манед,

1. ИЛ-б. 1053 нест.
2. И-назди шоҳ.
3. И-Сарони сипаҳ шоҳ оварем; Л-оварем.
4. ИЛ-оварем.
5. И-баромад; Л-Барояд.
6. И-Аз эро, ки бар.
7. Л-Аз оҳарманӣ ё зи дасти.
8. И-даст дореду.

www.sattor.com

Чу пирӯзгар додамон дастгоҳ,
Гунаҳкор шуд раста бо[1] бегуноҳ.

Кунун рӯзи дод асту бедод шуд,
Саронро сар аз куштан озод шуд.

Ҳама меҳр ҷӯеду афсун кунед,
Зи тан олати ҷанг берун кунед.[2]

Хирадманд бошеду покизадин,
Аз офат ҳама поку берун зи кин.

Ба ҷое ки-тон ҳаст обод бум,
Агар Тур, агар Чин, агар марзи Рум,

Ҳама некуӣ бодатон пойгоҳ,[3]
Ба равшанравон бодатон ҷойгоҳ».

Ҳама меҳтарон хонданд офарин
Бар он номвар меҳтари ростин.[4]

Хурӯше баромад зи пардасарой,
Ки, эй паҳлавонони фархундарой,

Аз ин пас ба хира марезед хун,
Ки бахти ҷафопешагон шуд нагун.

В-аз он пас ҳама ҷангҷӯёни Чин[5]
Якояк ниҳоданд сар бар замин.

Ҳама олати лашкару сози ҷанг
Бибурданд наздики пури Пашанг.

Бирафтанд пешаш гурӯҳогурӯҳ,
Яке тӯда карданд бар сони кӯҳ.

---

1. Л-Раставу.
2. ТПЗИЛ- Бадонро зи бад даст кӯтаҳ кунед,
   Ҳама мӯбадон бар хирад* раҳ кунед!
   * И-сӯи ӯ.
3. ИЛ-дастгоҳ.
4. ИЛ-б. 1070 нест.
5. И-кин; Л-ҷангҷӯён чунин

www.sattor.com

Чи аз ҷавшану таргу баргустувон,
Чи кӯполу чи ханҷари ҳиндувон,

Сипаҳбад Манучеҳр бинвохтшон,
Ба андоза-бар пойгаҳ сохтшон.

ФИРИСТОДАН САРИ САЛМРО БА НАЗДИ ФАРИДУН

Фиристодаеро[1] бурун кард гурд,
Сари шоҳи Ховар мар ӯро супурд.

Яке нома бинвишт назди ниё,[2]
Пур аз ҷангу аз чораву[3] кимиё.

Нахуст офарин кард бар кирдгор,
Дигар ёд кард аз шаҳи номдор.

Сипос аз ҷаҳондори[4] пирӯзгар,
К-аз ӯяст нерӯю фарру ҳунар.[5]

Ҳама неку бад зери фармони ӯст,
Ҳама дардҳо зери дармони[6] ӯст.

Кунун бар Фаридун аз ӯ офарин,
Хирадманду бедор, шоҳи замин.[7]

Кушояндаи бандҳои бадӣ,
Ҳамаш рою ҳам фарраи эзадӣ.

Кашидем кин аз саворони Чин,
Кушодем бар ҷони эшон камин.[8]

1. И-Фиристодае пас.
2. И-бар подшо.
3. ИЛ-Чӣ аз ҷангу аз чораи.
4. Л-хужованди.
5. И-б. 1081 нест.
6. И-Калиди ҳама бандҳо з-они.
7. ТПЗ- Намояндаи розҳои ниҳон,
Фурӯзандаи тоҷу тахти меҳон.
8. ИЛ-б. 1085 нест.

www.sattor.com

Ба нерӯи шоҳ он ду бедодгар,
Ки буданд хунӣ зи хуни падар,[1]

Сароншон буридам ба шамшери кин,
Ба пӯлод шустем рӯи замин.[2]

Ман инак паси нома бар сони бод
Биёям, кунам харчӣ рафтаст ёд.

Сӯи диж фиристод[3] Шерӯйро,
Ҷаҳондида марди[4] ҷаҳонҷӯйро.

Бифармуд, к-он[5] хоста баргирой,[6]
Нигаҳ кун, чӣ бояд, ҳамон кун ба рой.[7]

Ба пилони гарданкаш[8] он хоста
Ба даргоҳи шоҳ овар ороста.[9]

Бифармуд, то кӯсу рӯину ной
Баромад зи даҳлези пардасарой.[10]

Сипаҳро зи дарё ба ҳомун кашид,
Зи*[11] Чиндиж сӯи Офаридун кашид.

Чу омад ба наздики Таммиша боз,
Ниёро ба дидори ӯ буд ниёз.

Баромад зи дар нолаи каррной,
Саросар биҷунбид лашкар зи ҷой.

---

1. ТПЗИЛ- Ба нерӯи шоҳ он ду банди гарон
Кушодем аз дасти афсунгарон.
Ба фармони Яздони ҷонофарин
Кашидем кин аз саворони Чин.
2. ТПЗ- Мамондам ба гетӣ яке кинавар
Ба фарри Фаридуни пархошхвар.
3. Л-Пас он гаҳ бифармуд.
4. И-Чунон марди гурди.
5. Л-Сӯи диж шаву.
6. И-баргизой.
7. Л-ҳама, ҳарчӣ ёбӣ ба ҷой.
8. Л-гардункаш.
9. И-Бубар то дари шоҳ нохоста.
10. И-Биёранд бар пеши.
11. М-ҳомун.

www.sattor.com

Ҳама пушти пилон ба пирӯзатахт
Биёрост солори пирӯзбахт.[1]

Ҳамон маҳди заррин ба дебои Чин,
Ба гавҳар биёроста ҳамчунин.

Дурафшон зи ҳар гуна-гуна дурафш,
Ҷаҳоне шуда сурху зарду бунафш.

Зи дарёи Гелон чу абри сиёҳ
Думодум ба Сорӣ расид он сипоҳ.

Ба зарринситому ба зарринкамар,
Ба симинрикобу ба зарринсипар,

Або ганҷу пилони бохоста
Пазира шуданро биёроста.

Чу омад ба наздики шоҳу сипоҳ,
Фаридун пиёда биёмад ба роҳ.[2]

Ҳамон гелмардум[3] чу шери яла,
Або тавқи заррину мушкинкула.

Паси пушти шоҳ-андар эрониён,
Якояк ба кирдори[4] шери жиён.

Ба пеши сипоҳ - андарун пилу шер,
Паси жандапилон ялони далер.

Дурафши Фаридун чу омад падид,
Сипоҳи Манучеҳр саф баркашид.

Пиёда шуд аз асп солори нав,
Дарахти навоин пур аз бори нав.

Заминро бибӯсиду кард офарин
Бар он тахту тоҷу кулоҳу нигин.

1. И-бедорбахт.
2. Л-б. 1102 нест.
3. ИЛ-Ҳама гелмардон.
4. ИЛ-Далерон, ки ҳар як чу.

www.sattor.com

Фаридун бифармуд, то барнишаст,
Бибӯсиду бибсуд дасташ[1] ба даст.

Биёмад ба гоҳу фиристод кас
Бари Соми Найрам, ки зуд ой, бас

Ки Сом омада буд зи Ҳиндустон
Ба фарёди он разми ҷодуситон.

Биёвард чандон зару хоста,
Абе он ки з-ӯ шоҳ буд хоста.

Зи динору гавҳар ҳазорон ҳазор,
Ки онро муҳандис надонад шумор.

Чу омад ба наздики шоҳи ҷаҳон,
Сано кард бар шоҳ пиру ҷавон.

Чу ӯро бидидаш ҷаҳоншаҳрёр,
Нишондаш бари хештан номдор.[2]

Супурдам, бигуфт ин, набера туро,
Ки ман рафтанӣ гаштаам з-ин саро.

Ту ӯро ба ҳар кор шав ёрвар,
Чунон кун, ки аз ту намояд ҳунар.

Гирифташ сабук даст шоҳи ҷаҳон,
Бидодаш ба дасти ҷаҳонпаҳлавон.[3]

Пас, он гаҳ сӯи осмон кард рӯй,
Ки «Эй додгар, довари ростгӯй,[4]

---

1. И-бистурд рӯяш.
2. ТПЗ- Ба Сом инчунин, гуфт шоҳи куҳан,
Ки «Эй номвар, меҳтари анҷуман,
Ба сар шуд маро рӯзу чандин гузашт,
Сипеҳр аз бари чархи гардон бигашт.
Кунун чанбарӣ гашт сарви саҳӣ,
Намонад ба кас рӯзгори беҳӣ.
Дарахте, ки сар баркашад з-анҷуман,
Мар ӯро расад тоҷу тахти куҳан.
3. И-б. 1118 нест.
4. Л-б. 1109, 1119 нест

www.sattor.com

Ту гуфтӣ, ки ман додгар доварам,
Ба сахтӣ ситамдидаро ёварам.

Ҳамам дод додӣ, ҳамам ёварӣ,
Ҳамам тоҷ додӣ, ҳам ангуштарӣ.

Ҳама комҳо додиям, эй Худой,
Кунун мар маро бар ба дигар сарой.

Аз ин бештар андар ин ҷои танг
Нахоҳам, ки дорад равонам диранг».

Сипаҳдор - Шерӯю он хоста
Ба даргоҳи шоҳ омад ороста.

Бубахшид он хоста бар сипоҳ,
Чу ду рӯз буд монда аз меҳрмоҳ,

Бифармуд пас, то Манучеҳршоҳ
Нишаст аз паси тахти зар бо кулоҳ.[1]

Ба дасти худаш тоҷ бар сар ниҳод,
Басе панду андарзҳо кард ёд.

ГУФТОР АНДАР МУРДАНИ ФАРИДУН

Чу он карда шуд, рӯз баргашту бахт
Бипажмурд барги каёнидарахт.

Карона гузид аз сари[2] тоҷу гоҳ,
Ниҳода бари худ сари он се шоҳ.

Ҳаме ҳар замон зор бигристӣ,
Ба душворӣ - андар ҳаме зистӣ.

Ба навҳа - дарун ҳар замоне ба зор
Чунин гуфтӣ он номвар шаҳрёр,

Ки баргашту торик шуд рӯзи ман
Аз он се дилафрӯзи дилсӯзи ман.

1. Л-б. 1121-1126 нест.
2. ИЛ-бар-ин.

www.sattor.com

Ба зорӣ чунин кушта дар пеши ман,
Ба*[1] кина ба коми бадандеши ман.

Ҳам аз бадхуӣ, ҳам зи кирдори бад
Ба рӯи ҷавонон чунин бад расад.

Набурданд фармони ман, лоҷарам
Ҷаҳон гашт бар ҳар се барно дижам.

Пур аз хун дилу пур зи гиря ду рӯй,
Чунин то замона сар омад бар ӯй.

Фаридун бишуд, ном аз ӯ монд боз,
Баромад бар ин рӯзгоре дароз.

Ҳама некномӣ буду ростӣ,
Кӣ кард, эй писар, суд аз костӣ?

Манучеҳр бинҳод тоҷи каён,
Бубасташ ба зуннори хунин миён.

Бар оини шоҳон яке дахма кард,
Чи аз зарри сурху чи аз ложвард.

Ниҳоданд зер андараш тахти оҷ,
Биёвехтанд[2] аз бари оҷ тоҷ.

Ба падруд кардан-ш рафтанд пеш,
Чунон чун бувад расму оину кеш.

Дари дахма бастанд бар шаҳрёр,
Шуд он арҷманд аз ҷаҳон хору зор.

Манучеҳр як ҳафта бо дард буд,
Ду чашмаш пуробу ду рух зард буд.[3]

Яке ҳафта бо сӯг буд шаҳрёр,
Аз ӯ шаҳру бозорҳо сӯгвор.[4]

1. М-кину.
2. ИЛ-Баровехтанд.
3. И-б. 1144 нест.
4. Л-б. 1145 нест.

www.sattor.com

Ҷаҳоно, саросар фусӯсиву бод,
Ба ту нест марди хирадманд шод.[1]

Якояк ҳаме парваришон ба ноз,
Чи кӯтоҳ умру чи умри дароз.

Чу мар додаро боз хоҳӣ ситад,
Чӣ ғам, гар бувад хок он, гар бусад?

Агар шаҳрёриву гар зердаст,
Чу аз ту ҷаҳон ин нафасро гусаст,

Ҳама дарду хушшии ту шуд чу хоб,
Ба ҷовид мондан дилатро матоб!

Хунук он к-аз ӯ некуӣ ёдгор
Бимонад, агар банда ё шаҳрёр.[2]

МАНУЧЕҲР

Подшоҳии ӯ саду бист сол буд

Пас[3] он гаҳ яке ҳафта бигзоштанд,
Ҳама мотаму сӯги ӯ доштанд.[4]

Ба ҳаштум биёмад Манучеҳршоҳ,
Ба сар барниҳод он каёникулоҳ.

Дари ҷодуиҳо ба афсун бубаст,
Бар ӯ солиён анҷуман шуд ду шаст.

Ҳама паҳлавонони рӯи замин
Бар ӯ яксара хонданд офарин.

Чу дайҳими шоҳӣ ба сар барниҳод,
Ҷаҳонро саросар ҳама мужда дод.

---

1. ТПЗИ- Ба кирдорҳои ту чун бингарам,
Фусӯс аст, бозӣ намояд барам.
2. Л-б. 1147-1151 нест.
3. И-Ҳам.
4. Л-б. 1152 нест.

www.sattor.com

Ба доду ба дину ба[1] мардонагӣ,
Ба некиву покиву фарзонагӣ.[2]

Манам гуфт бар тахт гардонсипеҳр,
Ҳамам хашму ҷанг асту ҳам доду меҳр.

Замин бандаву чарх ёри ман аст,
Сари тоҷдорон шикори ман аст.

Ҳамам дину ҳам фарраи эзадист,
Ҳамам бахти некиву дасти бадист.

Шаби тор ҷӯяндаи кин манам.
Ҳамон оташи тези Барзин манам.

Худованди шамшеру зарринакафш,
Фарозандаи ковиёнидурафш.

Фурӯзандамеғу барорандатеғ,[3]
Ба ҷанг[4] - андарун ҷон надорам дареғ.

Гаҳи базм дарё ду дасти ман аст,
Дами оташ аз барнишасти ман аст.

Бадонро зи бад даст кӯтаҳ кунам,
Заминро ба хун ранги дебаҳ кунам.

Гирояндагурзу намояндатоҷ,
Фурӯзандаи мулк бар тахти оҷ.

Або ин ҳунарҳо яке бандаам,
Ҷаҳонофаринро парастандаам.[5]

Ҳама даст бар рӯи гирён занем,
Ҳама дастонҳо зи Яздон занем.

1. И-диҳиш ҳам; Л-оини.
2. ТПЗИЛ- Чунин гуфт бо сар ба сар лашкаркаш,
   Кеҳу меҳ, ки буданд дар кишвараш.
3. И-Фурӯзандаи гоҳу буррандатеғ; Л-Фурӯзандаи меғу буррандатеғ.
4. ИЛ-Ба кин.
5. ИЛ-ситояндаам.

www.sattor.com

К-аз ӯ тоҷу тахт аст, аз ӯям[1] сипоҳ,
Аз ӯям сипосу бад-ӯям паноҳ.

Ба роҳи Фаридуни фаррух равем,
Ниёмон куҳан буд гар, мо навем.

Ҳар он кас, ки дар ҳафт кишвар замин
Бигардад зи роҳу битобад[2] зи дин,

Намояндаи ранҷ дарвешро,
Забун доштан мардуми хешро,

Барафроштан сар ба бешии ганҷ,
Ба ранҷур[3] мардум намояндаранҷ,

Ҳама назди ман сарбасар кофиранд
В-аз Оҳармани бадкуниш бадтаранд.

Ҳар он динвар, к-ӯ на бар[4] дин бувад,
Зи Яздону аз ман-ш нафрин бувад.

В-аз он пас ба шамшер ёзем даст,
Кунам сарбасар кишвар аз кина[5] паст.[6]

Ҳама номдорони[7] рӯи замин[8]
Бар ӯ яксара[9] хонданд офарин.

Ки фаррух ниёи ту, эй некхоҳ,
Туро дод оини тахту кулоҳ.

Туро бод ҷовид тахти равон,
Ҳамон тоҷу ҳам фарраи мӯбадон.

---

1. Л-К-аз ӯяст тоҷу в-аз-ӯям.
2. Л-рою бигардад.
3. Л-дарвеш.
4. Л-к-ӯ на бо ман бар ин.
5. Л-кишвараш сар ба сар поку.
6. И-б. 25 нест;
   ТПЗ- Чу баргуфт з-ин гуна шоҳи ҷаҳон
   Ба назди бузургони равшанравон.
7. И-паҳлавонони.
8. Л-паҳлавонони покизадин.
9. Л-Манучеҳрро.

www.sattor.com

Дили мо якояк ба фармони туст,
Ҳамон ҷони мо зери паймони туст.

Ҷаҳонпаҳлавон Сом бар пой хост,
Бад-ӯ гуфт, к-«Эй довари[1] додрост,[2]

Зи шоҳон маро дида бар дидан аст,
Зи ту доду аз ман писандидан аст.

Падар бар падар шоҳи Эрон туӣ,
Гузини далерону[3] шерон туӣ.

Тану ҷон-т[4] Яздон нигаҳдор бод!
Дилат шодмон, бахт бедор бод!

Ту аз бостон[5] ёдгори манӣ,
Ба тахти каӣ зинҳори манӣ.

Ба разм - андарун шери поядаӣ,
Ба базм - андарун шеди тобандаӣ.

Замину замон хоки пои ту бод!
Ҳамон тахти пирӯза ҷои ту бод!

Чу шустӣ ба шамшери ҳиндӣ замин,
Ба ором биншину ромиш гузин.

Аз ин пас ҳама навбати мост разм,[6]
Туро ҷой тахт асту бигмозу базм.[7]

Ниёкони ман паҳлавонон буданд,
Паноҳи бузургону шоҳон буданд.

Зи Гаршосп то Найрами номдор
Сипаҳдор буданду ханҷаргузор.[8]

---

1. Л-меҳтари.
2. Л-Покрост.
3. ИЛ-Саворону.
4. Л-Бад-ин фарр-т.
5. И-ростон.
6. Л-чанг.
7. Л-Туро тахту ромишгару ною чанг.
8. ИЛ-б. 39-40 нест.

www.sattor.com

Шавам гирди гетӣ, бароям яке,
Зи душман ба банд оварам андаке.

Маро паҳлавонӣ ниёи ту дод,
Диламро хирад меҳру рои ту дод».[1]

Бар ӯ низ кард офарин шаҳрёр,
Басе додаш аз ҳадяи шоҳвор.

Пас аз пеши тахташ гурозид Сом,
Пасаш паҳлавонон ниҳоданд гом,

Хиромиду шуд сӯи оромгоҳ,
Ҳаме гашт гетӣ бар оину[2] роҳ.

ГУФТОР АНДАР ЗОДАНИ ЗОЛ

Кунун пуршигифте яке достон
Бипайвандам аз гуфтаи бостон.

Нигаҳ кун, ки мар Сомро рӯзгор
Чӣ бозӣ намуд, эй писар, гӯш дор.

Набуд эч фарзанд мар Сомро,
Дилаш буд ҷӯё дилоромро.[3]

Нигоре буд андар шабистони ӯй,
Зи гулбарг рух дошт в-аз мушк мӯй.

Аз он моҳаш уммеди фарзанд буд,
Ки хуршедчеҳра барӯманд буд.

Зи Соми Наримон ҳам ӯ бор дошт,
Зи бори гарон тан-ш озор дошт.[4]

Зи модар ҷудо шуд бад-он чанд рӯз,
Нигоре чу хуршеди гетифурӯз.

---

1. ТПЗ - Чунон чун бувад бандагӣ шоҳро,
Камар бастаам ҷанги бадхоҳро.
2. И-ба орому.
3. И-б. 48 нест.
4. Л-б. 51 нест.

www.sattor.com

Ба чеҳра накӯ буд бар сони шед,
Валекин ҳама мӯй будаш сапед.

Зи модар писар чун бад-ин гуна зод,
Накарданд як ҳафта бар Сом ёд.

Шабистони он номвар[1] паҳлавон
Ҳама пеши он хурдкӯдак навон.

Касе Соми ялро наёраст гуфт,
Ки фарзанд пир омад аз хуб ҷуфт.

Яке доя будаш ба кирдори шер,
Бари паҳлавон - андар омад далер.

Мар ӯро ба фарзанд-бар[2] мужда дод,
Забон баркушод, офарин кард ёд,[3]

Ки бар Соми ял рӯз фархунда бод!
Дили бадсиголони ӯ канда бод!

Бидодат Худой, он чи мехостӣ,[4]
Ҳаме ҷон бад-ин хоҳиш оростӣ.[5]

Паси пардаи ту, аё[6] номҷӯй,
Яке покпур омад аз моҳрӯй.

Яке паҳлавонбаччаи шердил,
Намояд бад-ин кӯдакӣ чир дил.[7]

Танаш нуқраи поку рух чун биҳишт,
Бар ӯ-бар набинӣ як андоми зишт.

Зи оҳу ҳамон, к-аш сапед аст мӯй,
Чунин буд бахши[8] ту, эй номҷӯй.

---

1. Л-мӯбадон.
2. ИМ-Чу омад бари паҳлавон.
3. Л-б. 58 нест.
4. И-Бадон чи зи Эзад ҳаме хостӣ.
5. Л-б. 60 нест.
6. Л-ту-дар, эй.
7. Л-б. 62 нест.
8. Л-бахри.

www.sattor.com

Бад-ин бахшишат кард бояд писанд,
Макун ҷон-т наспосу дилро нажанд.[1]

Фуруд омад аз тахт Соми савор,
Ба парда даромад сӯи навбаҳор.

Яке пирсар пури пурмоя дид,
Ки чун ӯ надиду на аз кас шунид.

Ҳама мӯи андоми ӯ ҳамчу барф,
Валекин ба рух сурх буду шигарф.[2]

Чу фарзандро дид мӯяш сапед,
Бибуд аз ҷаҳон яксара ноумед.

Битарсид сахт аз паи сарзаниш,
Шуд аз роҳи дониш ба дигар маниш.

Сӯи осмон сар баровард рост,
В-аз он кардаи хеш зинҳор хост.

Ки «Эй бартар аз кажжию ростӣ,
Беҳӣ з-он физояд, ки ту хостӣ.

Агар ман гуноҳе гарон кардаам,
В-агар дини[3] Оҳарман овардаам,

Ба пӯзиш магар кирдгори ҷаҳон
Ба ман-бар бубахшояд андар ниҳон.

Бупечад ҳаме тира ҷонам зи шарм,
Биҷӯшад ҳаме дар танам хуни гарм.

Аз ин бачча чун баччаи Аҳриман
Сияҳчашму мӯяш ба сони суман.

Чу оянду пурсанд гарданкашон,
Бубинанд[4] ин баччаи баднишон,

1. Л-б. 65 нест.
2. ИЛ-б. 67, 68 нест.
3. ИЛ- кеши.
4. И-б. 77-79 нест.

www.sattor.com

Чӣ гӯям, ки ин баччаи дев чист,
Паланги дуранг аст, ё худ парист?

Биханданд бар ман меҳони ҷаҳон
Аз ин бачча дар ошкору ниҳон.[1]

Аз ин нанг бигзорам Эронзамин,
Нахоҳам бар ин буму бар офарин».

Бигуфт ин ба хашму битобид рӯй,
Ҳаме кард бо бахти худ гуфтугӯй.

Бифармуд пас, то-ш бардоштанд,
Аз он буму бар дур бугзоштанд.

Яке кӯҳ буд, номаш Албурзкӯҳ,
Ба хуршед наздику дур аз гурӯҳ.

Бад-он ҷой Симурғро лона буд,
Ки он хона аз халқ бегона буд.

Ниҳоданд бар кӯҳу гаштанд боз,
Баромад бар ин рӯзгори дароз.

Чунон паҳлавонзодаи бегуноҳ
Надонист ранги сапед аз сиёҳ.

Падар меҳр бибриду бифканд хор,
Чу бифканд, бардошт парвардгор.

Яке достон зад бар ин модашер,
Куҷо карда буд бачча аз шир сер,

Ки «Гар ман туро хуни дил додаме,
Сипос эч бар сар-т нанҳодаме,

Ки ту худ маро зинда ҳамчун[2] дилӣ,
Дилам бигсилад, гар зи ман бигсилӣ».

1. М-чӣ гӯянд аз.
2. Л – ҷону.

www.sattor.com

Ҳамон хурдкӯдак бад-он ҷойгоҳ
Шабу рӯз афтода буд бепаноҳ.

Замоне сарангуштро мемакид,
Замоне хурӯшиданӣ мекашид.[1]

Чу Симурғро бачча шуд гурсуна,
Ба парвоз баршуд баланд аз буна.

Яке ширхора хурӯшанда дид,
Замин ҳамчу дарёи ҷӯшанда дид.

Зи хорош гаҳвораву доя хок,
Тан аз ҷома дуру лаб аз шир пок.

Ба гирд - андараш тирахоки нажанд,
Ба сар бар-ш[2] хуршед гашта баланд.

Палангаш будӣ, кошкӣ мому боб,
Магар сояе ёфтӣ з-офтоб.

Худованд меҳре ба Симурғ дод,
Накард ӯ ба хӯрдан аз он бачча ёд.[3]

Фуруд омад аз абр Симурғу чанг
Бизад, баргирифташ аз он гармсанг.

Бибурдаш дамон то ба Албурзкӯҳ,
Ки будаш дар он ҷо куноми гурӯҳ.

Сӯи баччагон бурд, то бишкаранд,
Бад-он нолаи зори ӯ нангаранд.

Бибахшуд Яздони некидиҳиш,
Яке буданӣ дошт андар бувиш.[4]

---

1. ИЛ-б. 92, 92 нест.
2. И – Ҳарираш зи.
3. Л-б. 98 нест.
4. ТПЗ- Касеро ки Яздон нигаҳдор шуд,
Чӣ шуд, гар бари дигаре хор шуд?
Ба Симурғ омад садое падид,
Ки, эй мурғи фархундаи покдид,

www.sattor.com

Нигаҳ кард Симурғ бо баччагон,
Бар он хӯрд хун аз ду дида чакон.

Шигифте бар ӯ барфикананд меҳр,
Бимонданд хира бад-он хубчеҳр.

Шикоре ки нозуктар, он баргузид,
Ки бе шир меҳмон ҳаме хун мазид.

Бад-ин гуна то рӯзгори дароз
Баромад, ки буд кӯдак он ҷо ба роз.

Чу он кӯдаки хурд пурмоя гашт,
Бар он кӯҳ-бар корвонҳо гузашт.

Яке мард шуд чун яке зодсарв,
Бараш кӯҳи симу миёнаш чу ғарв.

Нишонаш пароканда шуд дар ҷаҳон,
Баду нек ҳаргиз намонад ниҳон.

Ба Соми Наримон расид огаҳӣ
Аз он некпай пур бо фарраҳӣ.

ХОБ ДИДАНИ СОМ АЗ ҲОЛИ ПИСАР

Шабе аз шабон доғдил хуфта буд,
Зи кори замона барошуфта буд.

Чунон дид, к-аз кишвари ҳиндувон
Яке мард бар тозиаспе давон.[1]

Савори сарафрозу гурди тамом,
Фароз омадӣ то ба наздики Сом.[2]

Нигаҳ дор ин кӯдаки ширхор,
К-аз ин тухми мардӣ дарояд ба бор,
Зи пушташ ҷаҳонпаҳлавону радон
Биёянд монанди шери жиён.
Супурдем ӯро дар ин кӯҳсор,
Бибин, то чӣ пеш оварад рӯзгор.

1. Л - ҷавон
2. Л-б. 113 нест.

www.sattor.com

Варо мужда додӣ зи фарзанди ӯй,
Аз он бурзшохи барӯманди ӯй.

Чу бедор шуд, мӯбадонро бихонд,
В-аз ин дар сухан чанд гуна биронд.

Бад-эшон бигуфт, он чи дар хоб дид,
Ҷуз он ҳар чи аз корвонон шунид.

Чӣ гӯед, гуфт, андар ин достон,
Хирадтон бар ин ҳаст ҳамдостон?

Ки зиндаст он хурдкӯдак ҳанӯз,
В-агар шуд зи сармову меҳри тамуз?[1]»

Ҳар он кас, ки буданд пиру ҷавон,
Забон баркушоданд бар паҳлавон,

Ки ҳар к-ӯ ба Яздон шавад носипос,
Набошад ба ҳар кор некишинос,[2]

Ки бар сангу бар хок шеру паланг,
Чи моҳӣ ба об - андарун, ё наҳанг,

Ҳама баччаро парваронандаанд,
Ситоиш ба Яздон расонандаанд.

Ту паймони некидиҳиш бишканӣ,
Чунон бегунаҳ баччаро бифканӣ.

Зи мӯи сапедаш дил орӣ ба танг,
Тани равшану покро нест нанг.

Нигар, то нагӯӣ, ки ӯ зинда нест,
Биёрою бар ҷустанаш - бар биист.

Ки Яздон касеро, ки дорад нигоҳ,[3]
Зи гармову сармо нагардад табоҳ.[4]

---

1. Л-б. 118 нест
2. Л – б.120 нест.
3. И-додаш паноҳ.
4. Л-б. 124-126 нест.

www.sattor.com

Ба Яздон кунун сӯи пӯзиш гирой,
Ки ӯяст некидиҳу[1] раҳнамой.

Бар он буд, ки рӯзи дигар паҳлавон
Сӯи кӯҳи Албурз пӯяд навон.[2]

Чу шаб тира шуд, рои хоб омадаш,
К-аз андешаи дил шитоб омадаш.

Чунон дид дар хоб, к-аз кӯҳи Ҳинд
Дурафше барафрохтандӣ баланд.

Ғуломе падид омадӣ хубрӯй,
Сипоҳи гарон аз паси пушти ӯй.

Ба дасти чапаш - бар яке мӯбаде,
Сӯи росташ номвар бихраде.

Яке пеши Сом омадӣ з-он ду мард,
Забон баркушодӣ ба гуфтори сард.

Ки «Эй марди бебоки нопокрой,
Зи дида бишустӣ ту шарми Худой,

Туро доя гар мурғ шояд ҳаме.
Пас ин паҳлавонӣ чӣ бояд ҳаме.

Гар оҳуст бар мард мӯи сапед,
Туро ришу сар гашт чун барги бед.[3]

Ҳам ону ҳам ин Эзадат ҳадя дод,
Ҳаме гум кунӣ ту ба бедод дод.

Пас, аз офаринанда безор шав[4],
Ки дар тан-т ҳар рӯз[5] рангест нав.

---

1. Л-бар неку бад.
2. Л-б. 128 нест;
   ТПЗ - Бигӯяд, магар боз ёбад варо,
   Ба дил шодкомӣ физояд варо.
3. Л – мушкбед.
4. Л-бедор шав.
5. Л-Ки тартиби ҳаррӯза.

www.sattor.com

Писар гар ба наздики ту буд хор,
Мар ӯ[1] ҳаст парвардаи кирдгор,

К-аз ӯ меҳрубонтар бад-ӯ[2] доя нест,
Туро худ ба меҳр - андарун поя нест».

Ба хоб - андарун бархурӯшид Сом,
Чу шери жиён к-андарояд ба дом.

Битарсид з-он хоб, к-аз рӯзгор
Набояд, ки бинад бад омӯзгор.[3]

Чу бедор шуд, бихрадонро бихонд,
Сарони[4] сипаҳро ҳама барнишонд.

Биёмад дамон сӯи он кӯҳсор,
Ки афкандаи худ кунад хостор.

Сар андар сурайё яке кӯҳ дид,
Ту гуфтӣ, ситора[5] бихоҳад кашид.

Нишеме аз ӯ баркашида баланд,
Ки н-ояд зи кайвон бар ӯ-бар газанд.

Фурӯ бурда аз шизу[6] сандал амуд,
Як андар дигар бофта чӯби уд.

Бад-он санги хоро нигаҳ кард Сом,
Бад-он ҳайбати мурғу ҳавли куном.

Яке кох буд, торак андар симок,
На аз дастранҷу на аз сангу[7] хок.

---

1. ИЛ-Кунун.
2. Л—варо.
3. ТПЗ - Битарсид аз он хоб, к-аз кирдгор
   Набояд, ки бинад бади рӯзгор.
   Л – б. 142 нест.
4. Л – Саросар.
5. И-Ки гуфтӣ сурайё.
6. Л-чӯби.
7. ИЛ-обу.

www.sattor.com

Ситода[1] ҷавоне ба кирдори Сом,
Бидидаш, ки мегашт гирди куном.[2]

Абар офаринанда кард офарин,
Бимолид рухсорагон бар замин.

К-аз инсон бар он кӯҳ мурғ офарид,
Зи хоро сар андар сурайё кашид.

Бидонист, к-ӯ додгар довар аст,
Тавонову аз бартарон бартар аст.

Раҳи баршудан ҷусту кай буд роҳ
Даду домро бар чунин ҷойгоҳ.

Ситоишкунон гирди он кӯҳ-бар
Баромад, зи ҷое надид ӯ гузар.[3]

Ҳаме гуфт, к-«Эй бартар аз ҷойгоҳ,
Зи равшанравону[4] зи хуршеду моҳ.

Ба пӯзиш бари ту сар афкандаам,
Зи тарси ту ҷонро парокандаам,[5]

Гар ин кӯдак аз пок пушти ман аст,
На аз тухми бадгавҳар Оҳарман аст,

Бар ин-бар шудан бандаро дастгир,
Ман ин пургунаҳро ту кун дилпазир![6]».

Чу бо довар ин розҳо гуфта шуд,
Ниёиш ҳамон гаҳ пазируфта шуд.

Нигаҳ кард Симурғ з-афрози кӯҳ,
Бидонист, чун дид Сому гурӯҳ,

1. И-Нишаста.
2. Л-б. 150 нест.
3. Л-б. 155 нест
4. ИЛМ – равшангумону.
5. Л-б. 157 нест.
6. ТПЗ - Ба раҳмат барафроз ин бандаро,
Ба ман боз деҳ пури афгандаро.

www.sattor.com

Ки он омадан-ш аз паи бачча буд,
На аз меҳри Симурғ ӯ ранҷа буд.[1]

Чунин гуфт Симурғ бо пури Сом,
Ки «Эй дида ранҷи нишему куном,

Туро парваранда яке доям,
Ҳамат доя[2], ҳам нек сармоям,

Ниҳодам туро ном Дастони Занд,
Ки бо ту падар кард дастону банд.[3]

Бад-ин ном чун бозгардӣ ба ҷой,
Бигӯ, то-т хонад яли раҳнамой.

Падар Соми ял, паҳлавони ҷаҳон,
Сарафрозтар кас миёни меҳон

Бад-ин кӯҳ[4] фарзандҷӯй омадаст,
Туро назди ӯ обрӯй омадаст.

Раво бошад акнун, ки бардорамат,
Беозор наздики ӯ орамат.»

Ҷавон чун зи Симурғ бишнид ин,
Пур аз об чашму пур андӯҳгин.

Агар чанд мардум надида буд ӯй,
Зи Симурғ омухта буд гуфтугӯй.[5]

Бар овози Симурғ гуфтӣ сухан,
Фаровонхирад буду донишкуҳан.

Забону хирад буду рояш дуруст,
Ба тан низ ёрӣ зи Яздон биҷуст.[6]

1. Л-б. 160-162 нест.
2. М-мому.
3. Л-б. 164-165 нест.
4. ИЛ – Бад-ин гуна
5. Л-б. 171 нест.
6. И-б. 170-173 нест.

www.sattor.com

Ба Симурғ бингар, ки Дастон чӣ гуфт,
«Магар сер гаштӣ ҳамоно зи ҷуфт?

Нишеми ту рахшанда гоҳи ман аст,
Ду парри ту фарри кулоҳи ман аст.

Сипос аз ту дорам пас аз кирдгор,
Ки осон шудам аз ту душвор кор».

Чунин дод посух, ки «Гар тоҷгоҳ
Бубинему расми каёникулоҳ,

Магар, к-ин нишемат наёяд ба кор,
Яке озмоиш кунад рӯзгор[1],

На аз душманӣ дур дорам туро,
Сӯи подшоҳӣ гузорам туро.

Туро будан эдар маро дарх(в)ар аст,
Валекин туро он аз ин беҳтар аст.

Або хештан бар яке парри ман
Ҳаме бош дар сояи[2] фарри ман.

Гарат ҳеч сахтӣ ба рӯй оваранд,
Зи неку зи бад гуфтугӯй оваранд,

Бар оташ барафкан яке парри ман,
Бибинӣ ҳам андар замон фарри ман,

Ки дар зери паррат бипарвардаам,
Або баччагонат баровардаам.[3]

Ҳамон гаҳ биёям чу абри сиёҳ,
Беозорат орам бад-ин ҷойгоҳ.

Фаромуш макун меҳри доя зи дил,
Ки дар дил маро меҳри ту дилгусил.»

1. И – б. 177-178 нест.
2. И – Ҳамеша ҳаме бош бо.
3. Л – б. 184 нест.

www.sattor.com

Дилаш кард пидрому бардошташ,
Гурозон ба абр - андар афрошташ.

Зи парвозаш овард назди падар,
Расида ба зери бараш мӯи сар.

Танаш пилвору[1] рухаш чун баҳор,*[2]
Падар чун бидидаш, бинолид зор.

Фурӯ бурд сар пеши Симурғ зуд,
Ниёиш ҳаме б-офарин барфузуд,

Ки «Эй шоҳи мурғон, туро додгар
Бад-он дод нерӯву зӯру ҳунар,

Ки бечорагонро ҳаме[3] ёварӣ,
Ба некӣ ба ҳар доварон доварӣ.

Зи ту бадсиголон ҳамеша нажанд,
Бимон ҳамчунин ҷовидон зӯрманд!»

Ҳамон гоҳ Симурғ баршуд ба кӯҳ,
Бимонда бар ӯ чашми Сому гурӯҳ.[4]

Пас он гаҳ саропои кӯдак бидид,
Ҳамон тоҷу тахти каиро сазид.

Бару бозуи шеру хуршедрӯй,
Дили паҳлавон, дасти шамшерҷӯй.

Сапедаш мижа[5] дидагон қиргун,
Чу буссад лабу рух ба кирдори[6] хун.

Ҷуз аз мӯй бар вай накӯҳиш набуд,
Бади дигареро пижӯҳиш набуд.

1. Л-Сараш пирвору.
2. М-нигор.
3. Л-Ба фарёди бечорагон.
4. Л – б. 194 нест.
5. ИЛ – Сияҳмижжаву.
6. И-Чу писта ду лаб, рух ба монанди.

www.sattor.com

Дили Сом шуд чун биҳишти барин,
Бар он покфарзанд кард офарин.

«Ба ман, эй писар,-гуфт, дил нарм кун,
Гузашта макун ёду дил гарм кун.

Манам камтарин банда, яздонпараст,
Аз он пас, ки овардамат боз даст,

Пазируфтаам аз Худои бузург,
Ки дил бар ту ҳаргиз надорам сутург.

Бичӯям ҳавои[1] ту аз неку бад,
Аз ин пас чӣ хоҳӣ, ҳамон месазад».[2]

Танашро яке паҳлавонӣ қабой
Бипӯшиду аз кӯҳ бигзорд пой.

Фуруд омад аз кӯҳу болой хост,
Яке ҷомаи хусраворой хост.

Ҳаме пурро Золи Зар хонд ном,
Чу Дастон варо кард Симурғ ном.[3]

Сипаҳ яксара пеши Сом омаданд,
Кушодадилу шодком омаданд.

Табиразанон пеш бурданд пил,
Баромад яке гард чун кӯҳи нил.

Хурӯшидани кӯс бо каррной,
Ҳамон занги заррину ҳиндидарой.

Саворон ҳама наъра бардоштанд,
Бад-он хуррамӣ роҳ[4] бугзоштанд.

Ба шодӣ ба шаҳр - андарун омаданд,
Або паҳлавонӣ фузун омаданд.

1. Л-ризои.
2. ИЛ- ту, хоб он сазад.
3. ИЛ-б. 206 нест.
4. И - рӯз

www.sattor.com

ОГОҲ ШУДАНИ МАНУЧЕҲР АЗ КОРИ СОМ ВА ЗОЛИ ЗАР

Зи Зобул ба шоҳ омад ин огаҳӣ,
Ки Сом омад аз кӯҳ бо фарраҳӣ.

Бад-он огаҳӣ[1] шуд Манучеҳр шод,
Басе аз ҷаҳонофарин кард ёд.

Манучеҳрро буд ду пури гузин,
Далеру хирадманду бофарру дин.

Яке ном Нӯзар, дигар чун Зарасп,
Ба майдон ба монанди Озаргушасп.[2]

Бифармуд, то Нӯзари номдор
Шавад тозиён сӯи Соми савор.

Бубинад яке рӯи Дастони Сом,
Ки буд парваронида андар куном.[3]

Кунад офарини каёнӣ бар ӯй,
Бад-он шодмонӣ, ки бинмуд[4] рӯй.

Бифармоядаш, то сӯи шаҳрёр
Шавад, то суханҳо кунад ошкор.

В-аз он пас сӯи Зобулистон шавад,
Бар оини хусравпарастон шавад.

Чу Нӯзар бари Соми Найрам расид,
Яке навҷавон паҳлавонро бидид.

Фуруд омад аз асп Соми савор,
Гирифтанд мар якдигарро канор.

Зи шоҳу зи гурдон бипурсид Сом,
В-аз эшон бад-ӯ дод Нӯзар паём.

1. И – Аз он омадан.
2. ИЛ-б. 214 нест.
3. И-Ба дидори эшон шавад шодком.
4. ИЛ-бикшод.

www.sattor.com

Чу бишнид пайғоми шоҳи бузург,
Заминро бибӯсид Соми сутург.

Давон сӯи даргоҳ бинҳод рӯй,
Чунон, к-аш, бифармуд дайҳимҷӯй.

Фарози яке пили нар Золи Зар
Нишонду бирондаш сабук сӯи дар.

Чу омад ба наздикии шаҳри шоҳ,
Сипаҳбад пазира шудаш бо сипоҳ.[1]

Дурафши Манучеҳр чун дид Сом,
Пиёда шуд аз аспу бигзорд гом.

Заминро бибӯсид пас паҳлавон,
Ки ҷовид зӣ шоду равшанравон.

Манучеҳр фармуд, то барнишаст
Мар он покдил марди яздонпараст.

Сӯи тахту айвон ниҳоданд рӯй
Чи дайҳимдору чи дайҳимҷӯй.[2]

Манучеҳр бар гоҳ биншаст шод,
Кулоҳи каёнӣ ба сар барниҳод.

Ба як даст Қоран, ба дигар-ш Сом,
Нишастанд равшандилу шодком.

Пас, ороста Золро пеши шоҳ,
Ба зарринамуду ба зарринкулоҳ

Гурозон биёвард солори бор,
Шигифтӣ бимонд андар ӯ шаҳрёр.[3]

Бад-ин бурзу боло, бад-ин хуб чеҳр,
Ту гӯӣ, ки ороми ҷон асту меҳр.

1. Л – б. 297 нест.
2. Л-б. 226-231 нест.
3. ТПЗ ИЛ-Пас он гаҳ Манучеҳр бо Сом гуфт,
Ки «Инро ҳамоно касе нест ҷуфт».

www.sattor.com

Чунин гуфт мар Сомро шаҳрёр,
Ки «Аз ман ту инро ба зинҳор дор.

Ба хира маёзораш аз ҳеч рӯй,
Ба кас шодмона машав ҷуз бад-ӯй,

Ки фарри каён дораду чанги шер,
Дили ҳушмандону фарҳанги пир.

Биёмӯз ӯро раҳи созу разм,
Ҳамон шодкомиву оини базм.

Надидаст ҷуз кӯҳу мурғу куном,
Куҷо донад оинҳоро тамом.[1]

Пас аз кори Симурғу кӯҳи баланд
В-аз он, то чаро хор шуд арҷманд,

Якояк ҳама Сом бо ӯ бигуфт,
Зи хобу зи хӯрду зи ҷои нуҳуфт.

В-аз афкандани Зол бикшод роз,
Ки чун гашт бар сар сипеҳр аз фароз.[2]

Саранҷом гетӣ зи Симурғу Зол
Пур аз[3] достон шуд ба бисёр сол.

Бирафтам ба фармони кайҳонхудой
Ба Албурзкӯҳ, андар он сахтҷой.[4]

Яке кӯҳ дидам сар андар саҳоб,
Сипеҳрест, гуфтӣ, зи хоро бар об.

Бар ӯ - бар нишему чу кохи баланд
Зи ҳар сӯ бар ӯ баста роҳи газанд.

Бад-ӯ - андарун баччасимурғу Зол,
Ту гуфтӣ, ки ҳастанд ҳарду ҳамол.

1. Л-б.240, 241 нест.
2. И-б.244 нест.
3. Л-Яке.
4. ИЛ-саъбҷой.

www.sattor.com

Ҳаме бӯи меҳр омад аз боди ӯй,
Ба дил шодӣ овардаме ёди ӯй.[1]

Набуд роҳ бар кӯҳ аз ҳеч рӯй,
Давидам басе гирди ӯ пӯй-пӯй.

Маро бӯяи пури гумбуда хост,
Ба дилсӯзагӣ ҷон ҳаме рафт хост.[2]

Або довари пок гуфтам ба роз,
Ки, эй чораи халқу худ[3] бениёз.

Расида ба ҳар ҷой бурҳони ту,
Нагардад фалак ҷуз ба фармони ту.

Яке бандаам ман, вале[4] пургуноҳ
Ба назди Худованди хуршеду моҳ.

Умедам ба бахшоиши туст бас,
Ба чизе дигар нестам дастрас.

Ту ин бандаи мурғпарвардаро,
Ба хориву зорӣ баровардаро

Ҳаме чарм пӯшад ба ҷои ҳарир,
Мазад гӯшт ҳангоми пистони шир.

Расон боз бо ман, маро роҳ кун
Сӯи ӯву ин ранҷ кӯтоҳ кун.[5]

Ба бадмеҳрии ман равонам масӯз,
Ба ман бозбахшу дилам барфурӯз.

Ба фармони Яздон чу ин гуфта шуд,
Ниёиш ҳамон гаҳ пазируфта шуд.

---

1. Л-Ба дил роҳат орад ҳаме ёди ӯ.
2. Л-б. 251-252 нест.
3. Л-Ки, эй офаринандаи бениёз.
4. И-вале
5. Л-б.259 нест.

www.sattor.com

Бипаррид[1] Симурғу баршуд ба абр,
Ҳаме ҳалқа зад бар сари марди габр.

Зи кӯҳ андаромад чу абри баҳор,
Гирифта тани Золро дар канор.

Зи бӯяш ҷаҳоне пур аз мушк шуд,
Ду дида маро бо ду лаб хушк шуд.

Зи саҳми ваю бӯяи пури хеш
Хирад дар сарам ҷой нагрифт беш.[2]

Ба пеши ман овард чун доие,
Ки аз меҳр бошад варо мояе.

Забонам бар ӯ - бар ситоиш гирифт,
Ба Симурғ бурдам намоз, эй шигифт.

Ба ман монд фарзанду худ бозгашт,
Зи фармони Яздон нашояд гузашт.[3]

Ман овардамаш назди шоҳи ҷаҳон,
Ҳама ошкоро бикардам[4] ниҳон.

БОЗГАШТАНИ ЗОЛ БА ЗОБУЛИСТОН

Бифармуд пас шоҳ, то мӯбадон,
Ситорашиносону ҳам бихрадон

Бичӯянд, то ахтари Зол чист,
Бад-он ахтар аз бахт солор кист.

Чу гирад баландӣ, чӣ хоҳад будан,
Ҳама достонҳо бибояд задан.

Ситорашиносону ҳам мӯбадон[5]
Гирифтанд як-як зи ахтар[6] нишон,

1. Л-Бизад парр.
2. И-б. 258-265 нест. Л-б. 263-264 нест
3. Л-б.267, 268 нест.
4. Л – ошкорат кардам.
5. Л – дар замон.
6. Л-Зи ахтар гирифтанд пайдо.

www.sattor.com

Ки ӯ паҳлавоне бувад номдор,
Сарафрозу ҳушёру гурду савор.

Чу бишнид шоҳ ин сухан, шод шуд,
Дили паҳлавон аз ғам озод шуд.

Яке хилъат орост шоҳи замин,
Ки карданд ҳар кас бар ӯ офарин.

Зи аспони тозӣ ба зарринситом,
Зи шамшери ҳиндӣ ба зарринниём.[1]

Зи дебову хаззу зи ёқуту зар,
Зи густарданиҳои бисёрмар,

Ғуломони румӣ ба дебои Рум,
Ҳама пайкар аз гавҳару зар-ш бум.[2]

Забарҷад табаққову пирӯза ҷом,
Чи аз зарри сурху чи аз сими хом.

Пур аз мушку кофуру пур заъфарон,
Ҳама пеш бурданд фармонбарон.

Ҳамон ҷавшану таргу баргустувон,
Ҳамон найзаву гурзу тиру камон.

Ҳамон тахти пирӯзаву тоҷи зар,
Ҳамон мӯҳри ёқуту зарринкамар.

В-аз он пас Манучеҳр аҳде набишт
Саросар ситоиш ба сони биҳишт.

Ҳама Кобулу Дамбару Мои Ҳинд[3],
Зи дарёи Чин то ба дарёи Синд,

Зи Зобулситон то ба дарёи Буст
Ба оин[4] набиштанд аҳде дуруст.

1. И-б. 278 нест.
2. ИЛ-зарру бум
3. И – Маю Ҳинд; Л – Ҳама Кобулистону Кашмиру Ҳинд.
4. ИЛ-Ба навъи.

www.sattor.com

Чу ин аҳду хилъат биёростанд,
Пас аспи ҷаҳонпаҳлавон хостанд[1]

Чу ин карда шуд, Сом бар пой хост.
Бигуфт: «Эй гузин меҳтари додрост[2],

Зи моҳӣ барандеш то чархи моҳ,
Чу ту шоҳ нанҳод бар сар кулоҳ.

Ба меҳру ба хубӣ, ба рою хирад
Замона ҳаме аз ту ромиш барад.

Ҳама ганҷи гетӣ ба чашми ту хор,
Мабодо ба ҷуз номи ту ёдгор».

Фароз[3] омад ӯ, тахтро дод бӯс.
Бубастанд бар кӯҳаи пил кӯс,

Сӯи Зобулистон ниҳоданд рӯй,
Назора бар ӯ-бар[4] ҳама шаҳру кӯй.

Чу омад ба наздикии Нимрӯз,
Хабар шуд зи солори гетифурӯз,

Ки омад або хилъату тоҷи зар,
Або аҳду маншуру зарринкамар[5].

Биёроста Систон чун биҳишт,
Гилаш мушки соро буду зар-ш хишт.

Басе мушку динор барбехтанд,
Басе заъфарону дирам рехтанд.

Яке шодмонӣ буд андар ҷаҳон,
Саросар миёни кеҳону меҳон.

1. Л-б. 287 нест.
2. ИЛ-доду рост.
3. ИЛ-фуруд.
4. Л-бар эшон.
5. ИЛ-б.296 нест.

www.sattor.com

Ҳар он ҷо, ки буд меҳтари номҷӯй,
Зи гетӣ сӯи Сом бинҳод рӯй,

Ки «Фархунда бодо паи ин ҷавон
Бад-ин тозадил[1] номвар паҳлавон!»

Чу бар паҳлавон офарин хонданд,
Абар Золи Зар гавҳар афшонданд.

Касе к-ӯ ба хилъат сазовор буд,
Хирадманд буду ҷаҳондор буд,

Ба андозашон хилъат оростанд,
Ҳама пояи бартарӣ хостанд.

ПОДШОҲӢ ДОДАНИ СОМ ЗОЛРО

Пас он гоҳ Сом аз паи пури хеш
Ҳунарҳои шоҳон биёвард пеш.

Ҷаҳондидагонро зи кишвар бихонд,
Суханҳои боиста чанде биронд[2].

Чунин гуфт бо номвар бихрадон,
Ки «Эй поку ҳушёрдил мӯбадон.

Чунин аст фармони бедоршоҳ[3],
Ки лашкар ҳаме ронд бояд ба роҳ.

Сӯи Гургсорону Мозандарон
Ҳаме ронд хоҳам сипоҳи гарон.

Бимонад ба назди шумо ин писар,
Ки ҳамтои ҷон асту хуни ҷигар[4].

Ба гоҳи ҷавониву кундоварӣ
Яке беҳуда сохтам доварӣ,

---

1. Л-покдил.
2. Л - Бирафтанд шодон бари номдор,
   Чу чанде баромад бар ин рӯзгор.
3. ИЛ – ҳушёршоҳ.
4. ТПЗИЛ - Дилу ҷонам эдар бимонад ҳаме,
   Мижа хуни дил барфишонад ҳаме.

www.sattor.com

Писар дод Яздон, бияндохтам,
Зи бедонишӣ арҷ нашнохтам.

Гаронмоя Симурғ бардошташ,
Ҷаҳонофарин хор нагзошташ.

Маро хор буд, мурғро арҷманд,
Бипарвард, то шуд[1] чу сарви баланд,

Чу ҳангоми бахшоиш омад фароз,
Ҷаҳондор Яздон ба ман дод боз.

Бидонед, к-ин ёдгори ман аст,
Ба назди шумо зинҳори ман аст[2].

Шуморо супурдам ба омӯхтан,
Равон-ш аз ҳунарҳо барафрӯхтан,

Гиромиш доредy пандаш диҳед,
Ҳамон рою роҳи[3] баландаш диҳед,

Ки ман рафт хоҳам ба фармони шоҳ
Сӯи душманон бо сарони сипоҳ[4].

Сӯи Зол кард он гаҳе Сом рӯй,
Ки «Доду диҳиш гиру ором ҷӯй[5]!

Чунон дон, ки Зобулситон хони туст,
Ҷаҳон сар ба сар зери фармони туст.

Туро хону мон бояд ободтар
Дили дӯстдорон ба ту[6] шодтар.

Калиди дари ганҷҳо пеши туст,
Дилам шоду ғамгин ба кам беши туст.

1. Л-ӯро.
2. М-б. 316 нест
3. И-Ҳама роҳи рои.
4. Л-б. 319 нест; И-Сӯи душманон бар ба эронсипоҳ.
5. И – фармон бичӯй.
6. И - Дили дӯстонат бад-ӯ; Л-Дили дӯстон ҳар замон шодтар.

www.sattor.com

Дили равшанат ҳарчӣ хоҳад, бикор,
Ба ҷой ор аз базму аз корзор»[1].

Ба Сом он гаҳе гуфт Золи ҷавон,
Ки «Чун зист хоҳам ман эдар тавон?

Касе бо гунаҳ гар зи модар бизод,
Ман онам, сазад гар бинолам ба дод.

Ҷудо бештар з-ин куҷо доштӣ,
Мадорам, ки омад гаҳи оштӣ.

Гаҳе зери чанголи мурғ - андарун,
Чамидан ба хоку мазидан ба хун.

Куномам нишаст омаду мурғ ёр,
Бад-он гаҳ, ки будам зи мурғон шумор[2].

Кунун дур гаштам зи парвардгор,
Чунин парваронад маро рӯзгор.

Зи гул баҳраи ман ҷуз аз хор нест,
Бад-ин бо ҷаҳондор пайкор нест».

Бад-ӯ гуфт: "-Пардохтан дил сазост
Бипардозу баргӯй, ҳарч-ат ҳавост[3].

Ситорашумар, марди ахтаргирой
Чунин зад туро з-ахтари нек рой,

Ки эдар туро бошад оромгоҳ,
Ҳам эдар[4] сипоҳу ҳам эдар кулоҳ.

Гузар нест аз ҳукми гардонсипеҳр,
Ҳам эдар бибояд-т густард меҳр.

Кунун гирди хеш андаровар гурӯҳ,
Саворону мардони донишпижӯҳ,

---

1. ИЛ-б. 324 нест.
2. Л-б. 329 нест.
3. Л-б. 332 нест.
4. И – Ҳам андар.

www.sattor.com

Биёмӯзу бишнав зи ҳар донише,
Биёбӣ зи ҳар донише ромише.

Зи хӯрду[1] зи бахшиш маёсой ҳеч,
Ҳама донишу дод додан басеч[2]!».

Бигуфт ину бархост овои кӯс,
Замин оҳанин шуд, ҳаво обнӯс[3].

Хурӯшидани зангу ҳиндидарой
Баромад зи даҳлези пардасарой.[4]

Сипаҳбад сӯи ҷанг бинҳод рӯй
Або лашкаре сохта ҷангҷӯй.

Бишуд Зол бо ӯ ду манзил ба роҳ,
Бад-он, то падар чун гузорад сипоҳ.

Падар Золро танг дар бар гирифт,
Шигифтӣ хурӯшидан андаргирифт.

Ҳаме Золро дида дар хун нишонд,
Ба рух-бар ҳаме хуни дил барфишонд.[5]

Бифармуд, то бозгардад зи роҳ,
Шавад шоддил сӯи тахту кулоҳ.

Биёмад пурандеша Дастони Сом,
Ки то чун зияд бепадар шодком?

---

1. Л-Зи хӯрдан.
2. ТПЗ - Дигар бо хирадманд мардум нишин,
Ки нодон набошад бар оину дин.
Ки доно туро душмани ҷон бувад
Беҳ аз дӯстмарде, ки нодон бувад.
Ту фарзандиву ёдгори манӣ,
Ба ҳар кор дастуру ёри манӣ
Умедам ба додори рӯзи шумор,
Ки аз бахту давлат шавӣ бахтёр.
3. ИЛ-Ҳаво қиргун шуд, замин обнӯс.
4. ТПЗ - Або сӣ ҳазорон далерони кор,
Чу шерони ҷангӣ гаҳи корзор.
5. Л-б.344 нест.

www.sattor.com

Нишаст аз бари номвар тахти оҷ,
Ба сар барниҳод он фурӯзанда тоҷ.

Або ёраву гурзаи говсар,
Або тавқи заррину заррин камар.

Зи ҳар кишваре мӯбадонро бихонд,
Пижӯҳид ҳар чизу ҳар гуна ронд.

Ситорашиносону диноварон,
Саворони ҷангиву киноварон

Шабу рӯз буданд бо ӯ ба ҳам,
Задандӣ ҳаме рой бар бешу кам.

Чунон гашт Зол аз бас омӯхтан,
Ки гуфтӣ ситораст з-афрӯхтан.

Ба рою ба дониш ба ҷое расид,
Ки чун[1] хештан дар ҷаҳон кас надид.

Саворишчунон будӣ дар*[2] ҷаҳон,
К-аз ӯ достонҳо задандӣ меҳон.

Зи хубиш хира шудӣ марду зан,
Чу дидӣ, шудандӣ бар ӯ анҷуман.

Ҳар он кас, ки наздик ё дур буд,
Гумон мушк бурданд, кофур буд.[3]

ОМАДАНИ ЗОЛ БА НАЗДИ МЕҲРОБИ КОБУЛӢ

Чунон буд, ки рӯзе чунон кард рой,
Ки дар подшоҳӣ биҷунбад зи ҷой.

Бурун рафт бо вижа гурдони хеш,
Ки бо вай яке будашон рою кеш.

1. И-Ки ҷуз.
2. М-Ба ҷое расонид кори.
3. ИЛ-б. 355, 356 нест;
ТПЗИЛ- Чунин ҳам ҳаме гашт гардонсипеҳр,
Абар Сому бар Зол густарда меҳр.

www.sattor.com

Сӯи кишвари ҳиндувон кард рой,
Сӯи Кобулу Дамбару Марғу Мой.

Ба ҳар ҷой гоҳе биёростӣ,
Маю руду ромишгарон хостӣ.

Кушода дари ганҷу афканда ранҷ
Бар оину расми сарои сипанҷ.

Зи Зобул ба Кобул расид он замон,
Гурозону хандондилу шодмон.

Яке подшо буд, Меҳроб ном,
Забардасту боганҷу густардаком.

Ба боло ба кирдори озодасарв,
Ба рух чун баҳору ба рафтан тазарв.

Дили бихрадон дошту мағзи радон,
Ду китфи ялону ҳуши мӯбадон.

Зи Заҳҳоки тозӣ гуҳар доштӣ,
Зи Кобул ҳама буму бар доштӣ.[1]

Ҳаме дод ҳар сол бо Сом сов,
Ки бо вай ба размаш набуд эч тов.

Чу огаҳ шуд аз кори Дастони Сом,
Зи Кобул биёмад ба ҳангоми бом.

Або ганҷу аспони ороста,
Ғуломону ҳар гунае хоста.

Зи динору ёқуту мушку абир,
Зи дебои зарбафту хаззу ҳарир.

Яке тоҷи пургавҳари шоҳвор,
Яке тавқи заррин забарҷаднигор.

Сарон ҳар кӣ буданд, кобулсипоҳ
Биёвард бо хештан сӯи роҳ.[2]

1. Л-б. 366, 367 нест.
2. Л-б. 372 нест.

www.sattor.com

Чу омад ба Дастони Сом огаҳӣ,
Ки зебо меҳе ояд[1] андар меҳӣ,

Пазира шудаш Золу бинвохташ,
Зи[2] оин яке пойгаҳ сохташ.[3]

Сӯи тахти пирӯза бозомаданд,
Кушодадилу базмсоз омаданд.

Яке паҳлавонӣ ниҳоданд хон,
Нишастанд бар хони ӯ фаррухон,

Гусорандаи май, май оварду ҷом,
Нигаҳ кард Меҳроб дар пури Сом.

Хуш омад ҳамонош дидори ӯй,
Дилаш тезтар гашт бар кори ӯй.

Аз он донишу рой Меҳроби гурд
Бигуфт: «Он ки ӯ зод, ҳаргиз намурд.[4]

Чу Меҳроб бархост аз хони Зол,
Нигаҳ кард Зол андар он бурзу ёл.

Чунин гуфт бо меҳтарон Золи Зар,
Ки «Зебандатар з-ин кӣ бандад камар?

Ба чеҳру ба болои ӯ мард нест,
Касе гӯӣ ӯро ҳамовард нест.»[5]

Яке номдор аз миёни меҳон
Чунин гуфт бо паҳлавони ҷаҳон:

"Паси пардаи ӯ яке духтар аст,
Ки рӯяш зи хуршед некӯтар аст.

Зи сар то ба пояш ба кирдори оҷ,
Ба рух чун биҳишту ба боло чу соҷ.

1. ИЛ-омад.
2. И-Ба.
3. Л-Аз он анҷуман сар барафрохташ.
4. Л-б. 379 нест.
5. Л-б. 382 нест.

www.sattor.com

Бар он суфти симин ду мушкин каманд,
Сараш гашта чун ҳалқаи пойбанд.

Рухонаш чу гулнору лаб нордон,
Зи симин бараш руста ду норвон.

Ду чашмаш ба сони ду наргис ба боғ,
Мижа тирагӣ бурда аз парри зоғ.

Ду абрӯ ба сони камони тароз,
Ба рӯ туз пӯшида аз мушки ноз.

Агар моҳ ҷӯӣ, ҳама рӯи ӯст,
В-агар мушк бӯӣ, ҳама мӯи ӯст.[1]

Биҳиштест сар то сар ороста,
Пуророишу ромишу[2] хоста.[3]»

Баровард мар Золро дил ба ҷӯш
Чунон шуд, к-аз ӯ рафт орому ҳуш,

Ки аз некуӣ мард эдун бувад,
Ба некӣ аз ин зода худ чун бувад.[4]

Шаб омад, дар андеша биншаст зор,
Ба нодида бар шуд ба ҷон сӯгвор.[5]

Чу зад бар сари кӯҳ бар теғ шед,
Ҷаҳон шуд ба сони булӯри сапед,

---

1. Л-б. 390 нест;
   ТПЗ- Сари зулфу ҷаъдаш чу мушкин зиреҳ,
   Фикандаст, гӯӣ гиреҳ бар гиреҳ.
   Ж – танҳо б.1 мавҷуд аст.
   Даҳ ангушт бар сони симинқалам,
   Ба рӯ карда аз ғолия сад рақам.
2. Л-донишу.
3. ТПЗ- Туро зебад, эй номвар паҳлавон,
   Ки монанди моҳ аст бар осмон.
   Чу бишнид Зол ин суханҳо аз ӯй,
   Биҷунбид меҳраш бар он моҳрӯй.
4. ТПЗ- Ба дил гуфт: «Шак нест, к-он хубчеҳр
   Ба рухсор монад ба моҳу ба меҳр».
5. И-б. 378-391 нест.

www.sattor.com

Дари бор бикшод Дастони Сом,
Бирафтанд гурдон ба зарринниём.

Дари паҳлавонро биёростанд,
Чу болои пурмоягон хостанд.

Ҳаме рафт[1] Меҳроби кобулхудой
Сӯи хаймаи Золи зобулхудой.

Чу омад ба наздикии боргоҳ,
Хурӯш омад аз дар, ки бикшой роҳ.

Сӯи паҳлавон андарун рафт[2] гав
Ба сони дарахту пур аз бори нав.

Дили Зол шуд шоду бинвохташ,
В-аз он анҷуман сар барафрохташ.

Бипурсид, к-«Аз ман чӣ хоҳӣ, бихоҳ
Зи тахту зи мӯҳру зи теғу кулоҳ».

Бад-ӯ гуфт Меҳроб, к-«Эй подшо,
Сарафрозу пирӯзу фармонраво.

Маро орзу дар замона якест,
Ки он орзу бар ту душвор нест.

Ки ой ба шодӣ сӯи*[3] хони ман,
Чу хуршед равшан кунӣ ҷони ман».

Чунин дод посух, ки «Ин рой нест,
Ба хони ту - андар маро ҷой нест.

Набошад бад-ин Сом ҳамдостон,
Ҳам он шоҳ чун бишнавад достон,

Ки мо май гусорему мастон шавем,
Сӯи хонаи бутпарастон шавем.

1. ИЛ-Бурун рафт.
2. ИЛ-бари.
3. М-бари

www.sattor.com

Ҷуз ин ҳарчӣ гӯӣ ту, посух диҳем,
Ба дидори ту рои фаррух ниҳем».

410 Чу бишнид Меҳроб, кард офарин,
Ба дил Золро хонд нопокдин.

Хиромон бирафт аз бари тахти ӯй,
Ҳаме офарин хонд бар бахти ӯй.

Чу Дастони Сом аз пасаш бингарид,
Ситудаш фаровон, чунон чун сазид.

Бар ӯ ҳеч кас чашм нагмоштанд,
Мар ӯро зи девонагон доштанд.

Аз он к-ӯ на ҳамдину ҳамроҳ буд,
Забон аз ситудан-ш кӯтоҳ буд.

415 Чу равшан дили паҳлавонро бад-ӯй
Чунон гарм диданд бо гуфтугӯй,

Мар ӯро ситуданд як-як меҳон,
Бузургону номоварони ҷаҳон.[1]

Зи болову дидору оҳистагӣ,
Зи боистагӣ, ҳам зи шоистагӣ.

Дили Зол якбора девона гашт,
Хирад дур шуд, ишқ фарзона гашт.

Сипаҳдори тозӣ сари ростон
Бигӯяд бар ин - бар яке достон,

420 Ки то зиндаам, чарма ҷуфти ман аст,
Хами чархи гардон нуҳуфти ман аст.

Арӯсам набояд, ки раъно шавам,
Ба назди хирадманд расво шавам.

Аз андешагон Зол шуд хастадил,
Бар он кор бинҳод пайваста дил.

1. ИЛ-Ҳамон, к-аз паси парда будаш ниҳон.

www.sattor.com

Ҳаме буд печондил аз гуфтугӯй,
Магар тира гардад-ш з-ин обрӯй.

Ҳаме гашт якчанд бар сар сипеҳр,
Дили Зол оганда яксар зи меҳр.

РОЙ ЗАДАНИ РӮДОБА БО КАНИЗАКОН

Чунон буд, ки Меҳроб рӯзе пагоҳ
Хиромон[1] биёмад аз он боргоҳ.[2]

Гузар кард сӯи шабистони хеш,
Ду хуршед дид андар айвони хеш.[3]

Яке ҳамчу Рӯдобаи хубчеҳр,
Яке ҳамчу Синдухти борою меҳр.

Биёроста ҳамчу боғи баҳор,
Саропой пуррангу бӯю нигор.

Шигифтӣ ба Рӯдоба - андар бимонд,
Ҳаме офаринро бар ӯ – бар бихонд.

Яке сарв дид аз бараш гирдмоҳ,
Ниҳода зи анбар ба сар-бар кулоҳ.

Ба дебову гавҳар биёроста,
Ба сони биҳиште пур аз хоста.

Бипурсид Синдухт Меҳробро,
Зи хушшоб бикшод уннобро,

Ки «Чун рафтӣ имрӯзу чун омадӣ,
Ки кӯтоҳ бод аз ту дасти бадӣ?

Чӣ мардест он пирсар пури Сом,
Ҳаме тахт ёд оядаш ё куном?

1. ИЛ-Бирафту.
2. ТПЗ - Ситоиш ҳаме кард бо худ ба Зол
Зи мардию гурдию аз фарру ёл.
3. Л-Ҳаме гашт бар гирди бустони хеш.

www.sattor.com

Хуи мардумӣ ҳеч дорад ҳаме?
Паи номдорон сипорад ҳаме?»[1]

Чунин дод Меҳроб посух бад-ӯй,
Ки «Эй сарви симинбари моҳрӯй,[2]

Ба гетӣ - дар аз паҳлавонони гурд
Паи Золи Зар кас наёрад супурд.

Чу дасту инонаш ба айвон нигор
Набиниву бар зин чун ӯ як савор.[3]

Дили шери нар дораду зӯри пил,
Ду дасташ ба кирдори дарёи Нил.

Чу бар гоҳ бошад, зарафшон[4] бувад.
Чу дар ҷанг бошад, сарафшон бувад.

Рухаш сурх монандаи арғавон,
Ҷавонсолу бедору бахташ ҷавон.[5]

Ба кин - андарун чун наҳанги балост,
Ба зин - андарун тезчанг аждаҳост.

Нишонандаи хок дар кин ба хун,
Фишонандаи ханҷари обгун.

Аз оҳу ҳамин, к-аш сапед аст мӯй,
Наҷӯяд ҷуз ин[6] мардуми айбҷӯй.

Сапедии мӯяш бизебад ҳаме,
Ту гӯӣ, ки дилҳо фиребад ҳаме[7].»

---

1. ТПЗ - Чӣ гӯяд зи Симурғ фархунда Зол,
Чӣ гунаст чеҳру чӣ гунаст ёл?
2. И-хубрӯй
3. Л-Набинӣ ту бар зин чун ӯ номдор.
4. ИЛ-дурафшон.
5. ИЛ-давлатҷавон;
ТПЗ - Агарчи сапед аст мӯяш ба ранг,
Валекин ба мардӣ бидаррад наҳанг.
6. И-Бичӯяд сухан.
7. Л-б. 445 нест.

www.sattor.com

Чу бишнид Рӯдоба ин гуфтугӯй,
Барафрухту гулноргун гашт[1] рӯй.

Дилаш гашт пуроташ аз меҳри Зол,
Аз ӯ дур шуд хӯрду орому[2] ҳол.

Чу бигрифт ҷои хирад орзуй,
Дигаргунатар шуд ба оину хӯй.

Чи некӯ сухан гуфт он ройзан:
Зи мардон макун ёд дар пеши зан.[3]

Дили зан ҳамон девро ҳаст ҷой,
Зи гуфтор бошанд ҷӯяндарой.[4]

Варо панҷ турки парастанда буд,
Парастандаву меҳрубон банда буд.

Бад-ин бандагони хирадманд гуфт,
Ки «Бикшод хоҳам ниҳон аз нуҳуфт.

Шумо як ба як роздори манед,
Парастандаву ғамгусори манед.

Бидонед ҳар панҷу огоҳ бед[5]
Ҳамасола бо бахт ҳамроҳ бед[6],

Ки ман ошиқеам чу баҳри дамон,
Аз ӯ бар шуда мавҷ бар осмон.

Пур аз меҳри Зол аст[7] равшан дилам,
Ба хоб - андар андеша з-ӯ нагсилам.

1. ИЛ-кард.
2. ИЛ-ромишу хӯрду.
3. Л-б. 449 нест.
4. ИЛ-б. 450 нест.
5. ИЛ-огаҳ бувед.
6. ИЛ-ҳамраҳ бувед.
7. Л-Пур аз пури Сом аст.

www.sattor.com

Дилу ҷону ҳушам пур аз[1] меҳри ӯст,
Шабу рӯзам андешаи чеҳри ӯст.[2]

Яке чора бояд кунун сохтан,
Дилу ҷонам аз ғам бипардохтан.[3]

Надонад касе рози ман ҷуз шумо,
Ки ҳам меҳрубонеду ҳам порсо».[4]

Парастандагонро шигифт омад он,
Ки бадкорӣ[5] ояд зи духти радон.[6]

Ҳама посухашро биёростанд,
Чу оҳарман аз ҷой бархостанд,

Ки «Эй афсари бонувони ҷаҳон,
Сарафроз духтар миёни[7] меҳон.

Ситуда зи Ҳиндустон то ба Чин,
Миёни шабистон чу равшан нигин.

Ба болои ту дар чаман сарв нест,
Чу рухсори ту тобиши парв нест.

Нигори рухи ту ба Қаннуҷу Мой
Фиристанду наздики ховархудой.

Туро худ ба дида - дарун шарм нест,
Падарро ба назди ту озарм нест,

Ки онро, ки андозад аз бар падар,
Ту хоҳӣ, ки ӯро бигирӣ ба бар,

Ки парвардаи мурғ бошад ба кӯҳ,
Нишонӣ шуда дар миёни гурӯҳ.

---

1. Л-Ҳамеша дилам дар ғами.
2. ТПЗИЛ - Кунун ин суханро чӣ дармон кунед,
   Чӣ хоҳед бо ман, чӣ паймон кунед?
3. ИЛ-аз ранҷ пардохтан.
4. ИЛ-б. 459 нест.
5. Л-бекорӣ.
6. И-шаҳон.
7. Л-бар духтарони

www.sattor.com

Кас аз модарон пир ҳаргиз назод,
В-аз он кас, ки зояд, набошад нажод.

Чунин сурх ду буссаду мушк мӯй,
Шигифтӣ бувад, гар бувад пирҷӯй.[1]

Ҷаҳоне саросар пур аз меҳри туст,
Ба айвонҳо сурати чеҳри туст.

Туро бо чунин рӯю болою мӯй,
Зи чархи чаҳорум хур[2] ояд-т шӯй».[3]

Чу Рӯдоба гуфтори эшон шунид,
Чу аз бод оташ дилаш бардамид.

Бар эшон яке бонг барзад ба хашм,
Битобид рӯю бихобид чашм.

Пас он гаҳ ба хашму ба рӯи дижам
Ба абрӯ зи хашм андароварда хам,

Чунин гуфт: «Хом аст пайкоратон,
Шунидан наярзид гуфторатон.[4]

Дили ман чу шуд бар ситора табоҳ,
Чӣ гуна тавон шод будан ба моҳ?!

Ба гул нангарад, он ки ӯ гилх(в) араст,
Агарчи гул аз гил ситудатар аст.

Киро сирка дору бувад бар ҷигар,
Шавад з-ангубин дарди ӯ бештар.[5]

На Қайсар бихоҳам, на фағфури Чин,
На аз тоҷдорони Эронзамин.

1. Л-б. 470 нест.
2. Л-худ.
3. И- ба сӯй.
4. Л - Чунин гуфт, к-«Ин сахт пайкоратон
Наярзад бад-ин хом гуфторатон».
5. Л-б. 476-479 нест

www.sattor.com

Ба болои ман пури Сом аст Зол
Або бозуи шеру бо китфу ёл.

Гараш пир хонанд ё навҷавон,
Маро ҳаст ороми ҷону[1] равон.

Ҷуз ӯ ҳаргиз андар дили ман мабод,
Ҷуз аз вай бари ман маёред ёд!

Маро меҳри ӯ дил надида гузид,
Ҳамон дӯстӣ аз шунида гузид.

Бар ӯ меҳрубонам, на бар рӯю мӯй,
Ба сӯи ҳунар гаштамаш меҳрҷӯй.[2]

Парастанда огаҳ шуд аз рози ӯй,
Чу бишнид дилхаста овози ӯй,[3]

Ба овоз гуфтанд: «Мо бандаем,
Ба дил меҳрубону парастандаем.

Нигаҳ кун кунун, то чӣ фармон диҳӣ,
Наёяд зи фармони ту ҷуз беҳӣ».

Яке гуфт з-эшон, ки «Эй сарвбун,
Нигар, то надонад касе ин сухун.[4]

Чу мо сад ҳазорон фидои ту бод!
Хирад з-офариниш равои ту бод![5]

Агар ҷодуӣ бояд омӯхтан,
Ба банду фусун чашмҳо дӯхтан,

Бипаррем, то мурғи[6] ҷоду шавем,
Бипӯем, дар чора[7] оҳу шавем,

1. Л-ӯ ба ҷои тан асту.
2. Л-б. 483-485 нест
3. ТПЗ - Ба дилҷӯии духтари меҳрубон
Шуданд он парастандагон ҳамзабон.
4. Л-б. 489 нест.
5. ТПЗ - Сияҳ наргисонат пур аз шарм бод!
Рухонат ҳамеша пурозарм бод!
6. ИЛ-бо мурғ.
7. Л-Бипӯему дар дашт.

www.sattor.com

Магар шоҳро назди моҳ оварем,
Ба наздики ту пойгоҳ оварем».

Лаби лаъл Рӯдоба пурханда кард,
Рухони муасфар сӯи банда кард,

495 Ки ин бандро гар буви[1] корбанд,
Дарахти барӯманд корӣ баланд,

Ки ҳар рӯз ёқут бор оварад,
Хирад бори он дар канор оварад.

РАФТАНИ КАНИЗАКОНИ РӮДОБА БА ДИДАНИ ЗОЛИ ЗАР

Парастанда бархост аз пеши ӯй,
Бар он чора бечора бинҳод рӯй.

Ба дебои румӣ биёростанд,[2]
Сари зулф бар гул биперостанд.

Бирафтанд ҳар панҷ то рӯдбор,
Зи ҳар бӯю ранге чу хуррамбаҳор.

500 Маҳи фарвадину сари сол буд,
Лаби рӯд лашкаргаҳи Зол буд.

Аз он сӯи рӯдон канизон буданд,
Зи Дастон ҳаме достонҳо заданд.[3]

Ҳаме гул чиданд аз лаби рӯдбор,[4]
Рухон чун гулистону гул дар канор.

Бигаштанд ҳар сӯ, ҳаме гул чиданд,
Саропардаро чун баробар шуданд.[5]

1. Л-Ки ин гуфтаро гар шавӣ.
2. И-тан оростанд.
3. Л-б. 501 нест.
4. Л-ҷӯйбор.
5. ИЛ-б. 503 нест

www.sattor.com

Нигаҳ кард Дастон зи тахти баланд,
Бипурсид, к-«Ин гулпарастон киянд?»

Чунин гуфт гӯянда бо паҳлавон,
Ки «Аз кохи Меҳроби равшанравон.

Парастандагонро сӯи гулситон
Фиристад ҳаме моҳи Кобулситон».

Чу бишнид Дастон, дилаш бардамид,
Зи бас меҳр бар ҷони худ н-орамид.

Хиромид бо бандаи пуршитоб,
Ҷаҳонҷӯй Дастон аз ин сӯи об.[1]

Чу з-он сӯ парастандагон дид Зол,
Камон хост аз турку бифрохт ёл.

Пиёда ҳаме шуд зи баҳри шикор,
Хашишор дид андар он рӯдбор.

Камон турки гулрух ба зеҳ барниҳод,
Ба дасти чапи паҳлавон дарниҳод.

Бизад бонг, то мурғ бархост з-об,
Ҳаме тир андохт андар шитоб.

Зи парвозаш овард он гаҳ фуруд,
Чакон хунваше шуд аз ӯ оби рӯд.

Ба турк он гаҳе гуфт: «З-он сӯ гузар,
Биёвар ту он мурғи афкандапар».

Ба киштӣ гузар кард турки сутург,
Хиромид назди парастанда турк.[2]

Парастанда бо ридаки моҳрӯй
Сухан гуфту з-он паҳлави номҷӯй,

1. И-Ҳаме рафт Дастон аз ин рӯй об; Л-б. 507-508 нест.
2. Л-б. 514-515 нест.

www.sattor.com

Ки «Ин шербозу гави пилтан
Чӣ мард асту шоҳи кадом анҷуман?

Ки бикшод аз он гуна тир аз камон,
Чӣ санҷад ба пеш - андараш бадгумон?

Надидем зебандатар з-ин савор,
Ба тиру камон - бар чунин комгор».

Парирӯй[1] дандон ба лаб барниҳод,
«Макун,-гуфт,-з-ин гуна бар шоҳ ёд.

Шаҳи Нимрӯз аст, фарзанди Сом,
Ки Дастон-ш хонанд шоҳон ба ном,

Нагардад фалак бар чун ӯ як савор,
Замона набинад чун ӯ номдор».

Парастанда бо ридаки моҳрӯй
Бихандиду гуфташ, ки «Чунин магӯй,

Ки моҳест Меҳробро дар сарой,
Ба як сар зи шоҳи ту бартар ба пой.

Ба болой соҷ асту ҳамранги оҷ,
Яке эзадӣ бар сар аз мушк тоҷ.

Ду наргис дижамму ду абрӯ ба хам,
Сутуни ду абрӯ чу симин қалам.

Даҳонаш ба тангӣ дили мустаманд,
Сари зулф чун ҳалқаи пойбанд.

Ду ҷодуш пурхобу пуроб рӯй,
Пур аз лола рухсору чун[2] мушк мӯй.

Нафасро магар бар лабаш роҳ нест,
Чун ӯ дар ҷаҳон низ як моҳ нест.

1. И-Сабук банда.
2. И-пур; Л-в-аз.

www.sattor.com

Хиромон зи Кобулситон омадем,
Бари шоҳи Зобулситон омадем.

Бад-ин чора то он лаби лаълфом
Кунем ошно бо лаби пури Сом.

Сазо бошаду сахт дарх(в)ар бувад,
Ки бо Зол Рӯдоба ҳамсар бувад».[1]

Чу бишнид з-он бандагон ин паём,
Рухаш гашт з-ин гуфтаҳо лаълфом.

Чунин гуфт бо бандагон хубчеҳр,
Ки «Бо моҳ хуб аст рахшанда меҳр».[2]

Ба пайвастагӣ чун ҷаҳон рой кард,
Дили ҳар касе меҳрро ҷой кард.

Чу хоҳад гусистан, набояд-ш гуфт,
Бибуррад сабук ҷуфтро ӯ зи ҷуфт.

Гусистан-ш пайдову бастан ниҳон,
Ба ину ба он аст хӯи ҷаҳон.[3]

Диловар чу парҳез ҷӯяд зи ҷуфт,
Бимонад ба осонӣ андар нуҳуфт.

Бидон то-ш духтар набошад зи бун,
Набояд шунидан-ш нанги[4] сухун.

Чунин гуфт мар ҷуфтро бози нар,
Чу бар хоя биншасту густард пар,

К-«Аз ин хоя гар моя берун кунӣ,
Зи пушти падар хоя берун кунӣ.»

---

1. ИЛ-б. 532 нест;
   ТПЗИ- Парастандагон ҳар яке ошкор
   Ҳаме гуфт аз хубии* он нигор
   * Ҳаме кард васфи рухи.
2. И-б. 534 нест.
3. И-б. 537 нест. Л-б. 534-537 нест.
4. Л-Набояд шунидан зи ҳар кас сухун.

www.sattor.com

Аз эшон чу баргашт хандон ғулом,
Бипурсид аз ӯ номвар пури Сом.[1]

Ки «Бо ту чӣ гуфт он, ки хандон шудӣ,
Кушодалабу[2] симдандон шудӣ?».

Бигуфт, он чи бишнид, бо паҳлавон,
Зи шодӣ дили паҳлавон шуд ҷавон.

Чунин гуфт бо ридаки моҳрӯй,
Ки «Рав, он парастандагонро бигӯй,

Ки аз гулситон як замон магзаред,
Магар бо гул аз боғ гавҳар баред.

Набояд шудантон сӯи кох боз
Бад-он, то паёме фиристам ба роз».

Дирам хост бо зарру гавҳар зи ганҷ,
Гаронмоя дебои зарбафт панҷ.[3]

Бифармуд, к-ин назди эшон баред,
Касеро магӯеду пинҳон баред.

Бирафтанд зӣ моҳрухсора панҷ,
Або гарм гуфтору динору ганҷ.

Бад-эшон супурданд зарру гуҳар,
Ба номи ҷаҳонпаҳлавон-Золи Зар.

Парастанда бо моҳдидор гуфт,
Ки «Ҳаргиз намонад сухан дар нуҳуфт.

Магар он ки бошад миёни ду тан,
Се тан нониҳон асту чор анҷуман.

---

1. ТПЗИ- Кӣ буд он, ки бо ту ҳаме роз гуфт,
Бибояд-т бо ман ҳаме бозгуфт.
2. Л-шукуфталабу.
3. ТПЗИ- Яке дурҷи пургавҳари шоҳвор
Бурун кард аз гӯши худ гӯшвор.
Ду ангуштарӣ аз Манучеҳршоҳ
Гузин кард аз баҳри фархундамоҳ.

www.sattor.com

Бигӯй, эй хирадманди покизарой,
Сухан гар ба роз аст, бо мо сарой!».[1]

Парастанда гуфтанд бо якдигар,
Ки омад ба дом - андарун шери нар.

Кунун коми Рӯдобаву коми Зол
Ба ҷой омад, ин буд фархунда фол.[2]

Биёмад сияҳчашм ганҷури шоҳ,
Ки буд андар он кор дастури шоҳ.

Сухан ҳарчӣ бишнид з-он дилнавоз,
Ҳаме гуфт пеши сипаҳбад ба роз.

Сипаҳбад хиромид то гулситон,
Ба назди канизони[3] Кобулситон.

Парирӯи гулрух, бутони Тароз
Бирафтанду бурданд пешаш намоз.

Сипаҳбад бипурсид з-эшон сухун,
Зи болову дидори он сарвбун.

Зи гуфтору дидору рою хирад,
Бад-он то, ки бо ӯ чӣ андархурад.

Бигӯед бо ман якояк сухун,
Ба кажжӣ магар н-афканед эч бун.

Агар роститон бувад гуфтугӯй,
Ба наздики ман-тон бувад обрӯй.

Вагар ҳеч кажжӣ гумоне[4] барам,
Ба зери паи пилатон биспарам.

---

1. ТПЗ - Чу огоҳ гаштанд аз кори Зол,
Ки дар меҳр ҳаст ӯ бееорому ҳол.
2. ИЛ-б. 556 нест.
3. ИЛ-Ба уммеди хуршеди.
4. Л-намоед.

www.sattor.com

Рухи бандагон[1] гашт чун сандарӯс,
Ба пеши сипаҳбад замин дода бӯс.

Аз эшон яке буд кеҳтар ба сол,
Ки ӯ шуд сухангӯи пурдил ба Зол.[2]

Чунин гуфт, к-«Аз модар андар ҷаҳон
Назояд касе дар миёни меҳон

Ба дидори Сому ба болои ӯй,
Ба покий дилу донишу рои ӯй.

Дигар кас чу ту, эй савори[3] далер,
Бад-ин бурзу болову бозуи шер!

Се дигар чу Рӯдобаи хубрӯй,
Яке сарви симини борангу бӯй.

Зи сар то ба пояш гул асту суман,
Ба сарви саҳӣ бар Суҳайли Яман.

Ҳаме май чакад, гӯӣ, аз рӯи ӯ,
Абир аст, гӯӣ, ҳама мӯи ӯ.[4]

Аз он гунбади симсар бар замин
Фурӯ ҳишта бар гил каманди камин.

Ба мушку ба анбар сараш бофта,
Ба ёқуту гавҳар танаш тофта.

Сари зулфу[5] ҷаъдаш чу мушкин зиреҳ,
Фикандаст, гӯӣ, гиреҳ бар гиреҳ.[6]

---

1. Л-лолагун; И-лоларух.
2. ИЛ-б. 567 нест.
3. ИЛ-чун ту, эй паҳлавони.
4. Л-б. 573 нест.
5. И-зулфи.
6. Л - Даҳ ангушт бар сони симин қалам,
Бурун карда аз ғолия даҳ рақам,
И - Ду ангушт бар сони симин қалам,
Ба рӯ карда аз ғолия сад рақам

www.sattor.com

Буторой чун ӯ набинӣ ба Чин,
Бар ӯ моҳу парвин кунанд офарин.

Сипаҳбад парастандаро гуфт гарм
Суханҳои ширин ба овози нарм,

Ки «Акнун чӣ чора-ст, бо ман бигӯй,
Яке роҳ ҷустан ба наздики ӯй,

Ки моро дилу ҷон пур аз меҳри ӯст,
Ҳама орзу дидани чеҳри ӯст».

Парастанда гуфто: «Чу фармон диҳӣ,
Битозем[1] то кохи[2] сарви саҳӣ.

Зи фархунда рои ҷаҳонпаҳлавон,
Зи дидору гуфтору равшан равон

Фиребему гӯем ҳарм гуна чиз,[3]
Миён - андарун нест вожуна низ.[4]

Сари мушкбӯяш ба дом оварем,
Лабаш бар лаби пури Сом оварем.

Хиромад магар паҳлавон бо каманд,
Ба наздики айвону[5] кохи баланд.

Кунад ҳалқа дар гардани кунгура,
Шавад шер шод аз шикори бара.

Бубин он гаҳе, то хуш ояд туро,
Бад-ин гуфта ромиш физояд туро.[6]

---

1. ИЛ-Гузорем.
2. И-гоҳи.
3. Л-ҳаргунае.
4. Л-ворунае.
5. Л-девори.
6. Л-б. 587 нест;
   ТПЗ- Сиголиш бикарданд з-ин сон ба ҳам,
   Дили паҳлавон гашт холӣ зи ғам.

www.sattor.com

БОЗГАШТАНИ КАНИЗАКОН БА НАЗДИ РӮДОБА

Бирафтанд хубону баргашт Зол
Шабе дерёзон ба болои сол.[1]

Расиданд хубон ба даргоҳи кох,
Ба даст - андарун ҳар як аз гул ду шох.

Нигаҳ кард дарбон, баророст ҷанг,
Забон кард густоху дил кард танг,

Ки «Бегаҳ зи даргоҳ берун шавед,[2]
Шигифт оядам, то шумо чун шавед.»

Бутон посухашро биёростанд,
Ба дилтангӣ аз ҷой бархостанд,

Ки «Имрӯз рӯзи дигаргуна нест,
Ба боғи[3] гулон деви вожуна нест.

Баҳор омад, аз гулситон гул чинем,
Зи рӯи замин шохи сунбул чинем.[4]»

Нигаҳбони дар гуфт, к-«Имрӯз кор
Набояд гирифтан бад-он ҳам шумор,

Ки Золи сипаҳбад ба Кобул набуд,
Замин пур зи хиргоҳу лашкар намуд.[5]

Набинед, к-аз кох Кобулхудой
Ба зин андарорад ба шабгир пой.

Ҳама рӯзаш омад - шудан пеши ӯст,
Ки ҳастанд бо якдигар сахт дӯст.[6]

---

1. Л-Дилаш гашт бо нозу шодӣ ҳамол.
2. Л-равед.
3. ИЛ-роҳи.
4. ТПЗ - Ба фармони Рӯдобаи моҳчеҳр
   Паи гул бирафтем з-эдар ба меҳр.
   Туро чист з-ин гуна гуфторҳо,
   Ки гул чидаам аз сари хорҳо?
5. ТПЗ - Ки Золи сипаҳбад ба Кобул-дар аст,
   Замин пур зи хиргоҳу аз лашкар аст.
6. Л-б. 598 нест.

www.sattor.com

Агартон бубинад чунин гул ба даст,
Кунад бар замин-тон ҳамон гоҳ паст».[1]

Шуданд андар айвон бутони тироз,
Нишастанду бо моҳ гуфтанд роз,

Ки ҳаргиз надидем з-ин гуна шед,
Рухи ҳамчу гул, рӯю мӯяш сапед.[2]

Барафрӯхт Рӯдобаро дил зи меҳр
Ба уммеди он, то бубинад-ш чеҳр.[3]

Ниҳоданд динору гавҳар-ш пеш,
Бипурсид Рӯдоба аз камму беш,

Ки «Чун будатон кор бо пури Сом,
Ба дидан беҳ аст, ар ба овозу ном?»

Паричеҳра ҳар панҷ биштофтанд,
Чу бо моҳ ҷои сухан ёфтанд,

Ки «Зол он савори ҷаҳон сар ба сар
Набошад чун[4] ӯ кас ба оину фар,[5]

Ки мардест бар сони сарви саҳӣ,
Ҳамаш зебу ҳам фарри шоҳаншаҳӣ.

Ҳамаш рангу бӯю ҳамаш қадду шох,
Саворе миён лоғару бар фарох.

Ду чашмаш чу ду наргиси обгун,
Лабонаш чу буссад,[6] рухонаш чу хун.

Кафу соидаш чун кафи шери нар,
Ҳушивору мӯбаддилу шоҳфар.

---

1. ТПЗ - Маёед дигар бурун аз ҳарам,
Мабодо, ки ояд сухан бешу кам.
2. И-б. 600, 601 нест.
3. Л-б. 600-602 нест.
4. И-чуз.
5. Л-б. 606 нест.
6. Л-ақику.

www.sattor.com

Саросар сапед аст мӯяш ба сар,
Аз оҳу ҳамин асту ин аст фар.[1]

Ба рух чаъди он паҳлавони ҷаҳон,
Чу симинзиреҳ бар гули арғавон,

Ки гӯӣ ҳаме он[2], чунон боядӣ,
В-агар нестӣ, меҳр нафзоядӣ.

Ба дидори ту додаемаш навид,
Гаҳи бозгаштан дилаш пурумед.[3]

Кунун чораи кори меҳон бисоз,
Бифармой, то бар чӣ гардем боз».

Чунин гуфт бо бандагон сарвбун,
Ки «Дигар шудастӣ ба рою сухун?

Ҳамон Зол, к-ӯ мурғпарварда буд,
Чунон пирсар буду пажмурда буд,

Ба рух шуд кунун[4] чун гули арғавон,
Саҳиқадду зеборуху паҳлавон?

Рухи ман ба пешаш биёростед,
Бигуфтеду з-он пас баҳо хостед?»

Ҳаме гуфту лабҳо пур аз ханда дошт,
Рухон ҳамчу гулнор[5] оганда дошт.

Чунин гуфт пас бонуи бонувон
Парастандаеро, к-аз эдар давон

Ба мужда шабонгаҳ сӯи ӯ шавед,
Бигӯеду гуфтори ӯ бишнавед,

1. ТПЗЛ - Саросар сапед аст мӯяш ба ранг,
Аз оҳу ҳамин асту ин нест нанг.
2. Л-худ.
3. И-б. 614 нест.
4. Л-Ба дидор шуд.
5. Л-Рухон чун гули сурх.

www.sattor.com

Ки қомат баромад, биёрой кор,
Биё, то бубинӣ маҳи пурнигор[1]

Парастанда бо[2] бонуи моҳрӯй
Чунин гуфт, к-«Акнун[3] раҳи чора ҷӯй,

Ки Яздон ҳар он ч-ат ҳаво буд, дод,
Саранҷоми ин кор фархунда бод!»

Ҳаме кор созид Рӯдоба зуд
Ниҳонӣ зи хешони ӯ, ҳар кӣ буд.[4]

Яке хона будаш чу хуррам баҳор,
Зи чеҳри бузургон бар ӯ-бар нигор.

Ба дебои чинӣ биёростанд,
Табақҳои заррин бипеаростанд.

Маю мушку анбар баромехтанд,
Ақиқу забарҷад фурӯ рехтанд.

Бунафша, гулу наргису арғавон,
Суманшоху савсан ба дигар карон.

Ҳама зарру пирӯза буд ҷомашон,
Ба равшангулоб - андар ошомашон.

Аз он хонаи духти хуршедрӯй
Баромад ҳаме то ба хуршед бӯй.

РАФТАНИ ЗОЛ БА НАЗДИ РӮДОБА

Чу хуршеди тобанда шуд нопадид,
Дари ҳуҷра бастанду гум шуд калид.

Парастанда шуд сӯи Дастони Сом,
Чу шуд сохта кор, бигзор гом.

---

1. Л-б. 621-623 нест;
ТПЗ- Парастанда рафту хабар дод боз,
Биёмад ба наздики сарви тароз.
2. И-Чунин гуфт пас.
3. И-Бар эшон, ки акнун.
4. Л-б. 626 нест

www.sattor.com

Сипаҳбад сӯи кох бинҳод рӯй,
Чунон чун бувад мардуми ҷуфтҷӯй,

Баромад сияҳчашми гулрух ба бом,
Чу сарви саҳӣ бар сараш моҳи том.

Чу аз дур Дастони Соми савор
Падид омад ин духтари номдор

Ду беҷода бикшоду овоз дод,
Ки «Шод омадӣ, эй ҷавонмардзод.[1]

Дуруди ҷаҳонофарин бар ту бод,
Хами чархи гардон замин[2] бар ту бод[3]!

Парастанда хуррамдилу шод бод,
Чунонӣ саропой, к-ӯ кард ёд.[4]

Пиёда бад-ин сон зи пардасарой
Биранҷидат он хусравонӣ ду пой».

Сипаҳбад чу аз бора ово шунид,
Нигаҳ карду хуршедрухро бидид.

Шуда бом аз ӯ гавҳари тобнок,
Зи тоби рухаш сурхёқут хок.

Чунин дод посух, ки «Эй моҳчеҳр,[5]
Дурудат зи ман, офарин аз сипеҳр.

Чи моя шабон дида андар симок,
Хурӯшон будам пеши Яздони пок.

Ҳаме хостам то Худои ҷаҳон
Намояд ба ман рӯят андар ниҳон.

---

1. И-ҷавонмард, шод.
2. И-нигин.
3. И-пас аз б. 639 ин б. омада:
   Зи давлат ҳамеша дилат шод бод!
   Равонат зи дарду ғам озод бод!
4. ТПЗ - Шаби тира аз рӯи ту рӯз гашт,
   Зи бӯят ҷаҳоне дилафрӯз гашт.
5. Л-хубчеҳр.

www.sattor.com

Кунун шод гаштам ба овози ту,[1]
Бад-ин чарбгуфтори бо нози ту.[2]

Яке чораи роҳи дидор ҷӯй,
Чӣ бошӣ[3] ту бар бораву ман ба кӯй?»

Паричеҳр гуфту сипаҳбад[4] шунид,
Зи сар шаъри шабгун ҳаме баркушуд.[5]

Каманде кушод ӯ зи сарви*[6] баланд,
Кас аз мушк[7] з-он сон напечад каманд.

Хам андар хаму мор бар мор - бар,
Бар он ғабғабаш тор бар тор[8] - бар.

Фурӯ хишт гесӯ аз он кунгура,
Ба дил Зол гуфт, ин каманде сара.

Пас аз бора Рӯдоба овоз дод,
Ки «Эй паҳлавонбаччаи гурдзод,

Кунун зуд бартозу баркаш миён,
Бари шер бикшову чанги каён.

Бигир ин сияҳгесу аз як суам,
Зи баҳри ту бояд ҳаме гесуям»[9]

Нигаҳ кард Зол андар он моҳрӯй,
Шигифт омадаш з-он чунон гуфтугӯй.[10]

Бисоид мушкин камандаш ба бӯс,
Ки бишнид овози бӯсаш арӯс.

---

1. Л-дидори ту.
2. Бад-ин хубрухсору гуфтори ту.
3. ИЛ-Чи пурсӣ.
4. Л-Сипаҳбуд бигуфту парирӯ.
5. шеъри гулнор, бикшуд зуд.
6. М-гесӯ.
7. И-Ки аз сарв.
8. И-нор бар нор.
9. ТПЗ - Бад он парваронидам ин торро,
Ки то дастгирӣ кунад ёрро.
10. И – Шигифте бимонд андар он рӯю мӯй.

www.sattor.com

Чунин дод посух, ки «Ин нест дод,
Чунин*[1] рӯз хуршед равшан мабод,

Ки ман хираро даст[2] бар ҷон занам,
Бар ин хастадил тезпайкон занам».

Каманд аз раҳӣ бистаду дод хам,
Бияфканд хору назад ҳеч дам.

Ба ҳалқа даромад сари кунгура,
Баромад зи бун то ба сар яксара.

Чу бар боми он бора биншаст боз,
Биёмад парирӯву бурдаш намоз.

Гирифт он замон дасти Дастон ба даст,
Бирафтанд ҳарду ба кирдори маст.

Фуруд омад аз боми кохи баланд,
Ба даст - андарун дасти шохи баланд.

Сӯи хонаи зарнигор омаданд,
Бад-он маҷлиси шоҳвор омаданд.

Биҳиште буд ороста пур зи нур,
Парастанда бар пой бар пеши ҳур.

Шигифт андар он монда буд Золи Зар
Бад-он рӯю он мӯю он зебу фар.

Або ёраву тавқу бо гӯшвор,
Зи дебову гавҳар чу боғи баҳор.

Ду рухсора чун лола андар чаман,
Сари ҷаъди зулфаш шикан бар шикан.

Ҳамон Зол бо фарри шоҳаншаҳӣ
Нишаста бари моҳ бо фарраҳӣ.

1. М – Бад ин.
2. ИЛ – дастро хира.

www.sattor.com

Ҳамоил яке дашна андар бараш,
Зи ёқути сурх афсаре бар сараш.[1]

Зи дидан-ш Рӯдоба менорамид,
Бидуздида дар вай ҳаме бингарид.

Бад-он шоху ёлу бад-он фарру бурз,
Ки хоро чу хор омадӣ з-ӯ ба гурз.

Фурӯғу рухашро, ки ҷон барфурӯхт,
Дар ӯ беш дидӣ, дилаш беш сӯхт?[2]

Ҳаме буд бӯсу канору набид,
Магар шер к-ӯ гӯрро нашкарид.

Сипаҳбад чунин гуфт бо моҳрӯй,
Ки «Эй сарви симинбари мушкбӯй,

Манучеҳр чун бишнавад достон,
Набошад бар ин низ[3] ҳамдостон.

Ҳамон Соми Найрам барорад хурӯш,
Каф андозаду бар ман ояд ба ҷӯш.

Валекин на пурмоя ҷон асту тан,
Ҳамон хор гирам, бипӯшам кафан.

Пазируфтам аз додгар доварам,
Ки ҳаргиз зи паймони ту нагзарам.

Шавам пеши Яздон, ситоиш кунам,
Чу яздонпарастон ниёиш кунам.

Магар, к-ӯ дили Соми шоҳи замин
Бишӯяд зи хашму зи пайкору кин.

Ҷаҳонофарин бишнавад гуфти ман,
Магар, к-ошкоро шавӣ ҷуфти ман».

---

1. Л-Зи ёқут рахшон сару афсараш.
2. Л-б. 672-674 нест.
3. Л-кор.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт Рӯдоба: «Ман ҳам чунин
Пазируфтам аз довари кешу дин,

Ки бар ман набошад касе подшо,
Ҷаҳонофарин бар забонам гуво.

Ҷуз аз паҳлавони ҷаҳон Золи Зар,
Ки ботоҷу ганҷ асту боному фар.

Ҳаме меҳрашон ҳар замон беш буд,
Хирад дур буд, орзу пеш буд.

Чунин то сапеда баромад зи ҷой,
Табира баромад зи пардасарой.

Пас он моҳро шоҳ падруд кард,
Тани хеш тору бараш пуд кард.

Сари мижжа карданд ҳарду пуроб,
Забон баркашиданд[1] бар офтоб,

Ки, эй фарри гетӣ, яке лахт низ
Якояк набоист омад ҳаниз.

Зи боло каманд андарафканд Зол,
Фуруд омад аз кох фаррухҳамол.

РОЙ ЗАДАНИ ЗОЛ БО МӮБАДОН ДАР КОРИ РӮДОБА

Чу хуршеди тобон баромад зи кӯҳ,
Бирафтанд гурдон ҳама ҳамгурӯҳ.

Бидиданд мар паҳлавонро ба гоҳ,
В-аз он ҷойгаҳ баргирифтанд роҳ.

Сипаҳбад фиристод хонандаро,
Ки хонад бузургони донандаро.

Чу дастури фарзона бо мӯбадон,
Сарафроз гурдону фаррух радон.

1. ИЛ-баркушоданд.

www.sattor.com

Ба шодӣ бари паҳлавон омаданд,
Хирадманду равшанравон омаданд.

Забон тез бикшод Дастони Сом,
Лабе пур зи ханда, диле пур зи ком.

Нахуст офарин бар ҷаҳондор кард,
Дили мӯбад аз хоб[1] бедор кард.

Чунин гуфт, к:-«Аз довари покдод
Дили мо пур аз тарсу уммед бод.[2]

Худованди гарданда хуршеду моҳ
Равонро ба некӣ намояндароҳ.

Ситудан мар ӯро чунон чун тавон,
Шабу рӯз будан ба пешаш навон.

Бад-ӯяст кайҳони хуррам ба пой,
Ҳам ӯ додгустар ба ҳарду сарой.

Баҳор ораду тирамоҳу хазон,
Барорад пур аз мева дори разон.

Ҷавон дорадаш гоҳ бо рангу бӯй,
Гаҳаш пир дорад дижам карда рӯй.

Зи фармону рояш касе нагзарад,
Паи мӯр бе ӯ замин наспарад.[3]

Ҷаҳонро физоиш зи ҷуфт офарид,
Ки аз як фузунӣ наёяд падид.

Яке нест ҷуз довари кирдгор,
Ки ӯро на анбозу на ҷуфту ёр.

---

1. Л-Кӣ ӯро ба ҳар кор.
2. ТПЗ - Ба бахшоиш уммеду тарс аз гуноҳ,
Ба фармонҳо жарф кардан нигоҳ.
3. ТПЗИЛ- Бад-он гаҳ, ки лавҳ офариду қалам,
Бизад бар ҳама буданиҳо рақам.

www.sattor.com

Ҳар он-ч офаридаст, ҷуфт офарид,
Кушода зи рози нуҳуфт офарид.

Зи чархи баланд андар ор ин сухун,
Саросар ҳамин аст гетӣ зи бун.

Замона ба мардум шуд ороста,
В-аз ӯ арҷ гирад ҳама хоста.

Агар нестӣ ҷуфтӣ андар ҷаҳон,
Бимондӣ тавоноӣ андар ниҳон.

Ва дигар, ки бе ҷуфт дини Худой
Надидем марди ҷавонро ба пой.[1]

Се дигар,[2] ки бошад зи тухми бузург,
Чу беҷуфт бошад, намонад сутург.

Чӣ некӯтар аз паҳлавони ҷаҳон,
Ки гардад ба фарзанд равшан равон,

Чу ҳангоми рафтан фароз оядаш,
Ба фарзанд-нав рӯз боз оядаш.

Ба гетӣ бимонад зи фарзанд ном,
Ки ин пури Зол асту он пури Сом.

Бад-ӯ гардад ороста тоҷу тахт,
Аз он рафта ному бад-ин монда бахт.

Кунун ин ҳама достони ман аст,
Гулу наргиси бӯстони ман аст.

Дил аз ман рамидасту рафта хирад,
Бигӯед, к-инро чӣ дармон барад.

Нагуфтам ман ин, то нагаштам ғамӣ,
Ба мағзу хирад дарнаёмад камӣ.

1. ИЛ-ба ҷой.
2. И-Ба вижа.

www.sattor.com

Ҳама коҳи Меҳроб меҳри ман аст,
Заминаш чу гардонсипеҳри ман аст.[1]

Дилам гашт бо духти Синдухт ром,
Чӣ гӯед, бошад бад-ин ром Сом?

Шавад ром, гӯяд Манучеҳршоҳ,
Ҷавонӣ гумоне барад ё гуноҳ?

Чи кеҳтар, чи меҳтар чу шуд ҷуфтҷӯй,
Сӯи дину оин ниҳодаст рӯй.

Бад-ин дар хирадмандро ҷанг нест,
Ки ҳам рои дин асту ҳам нанг нест.

Чӣ гӯяд кунун мӯбади пешбин,
Чӣ бинанд фарзонагон андар ин?»

Бубастанд лаб мӯбадону радон,
Сухан баста шуд бар лаби бихрадон,

Ки Заҳҳок Меҳробро буд ниё,
В-аз эшон дили шоҳ пуркимиё.

Кушода сухан кас наёраст гуфт,
Ки нашнид кас нӯш бо заҳр ҷуфт.

Чу нашнид[2] аз эшон сипаҳбад сухун,
Биҷӯшиду рои нав афканд бун,

Ки «Донам, ки чун ин[3] пижӯҳиш кунед,
Бад-ин рой[4] бар ман накӯҳиш кунед.

Валекин ҳар он, к-ӯ гузинад маниш,
Бибояд шунидаш[5] басе сарзаниш.

---

1. Л-б. 722 нест;
   ТПЗИ- Гузид ин дилам духти Меҳробро,
   Биборад зи дида ба меҳр обро.
2. ИЛ-бишнид.
3. Л-каз-ин чун.
4. Л-роҳ.
5. И-шунидан; Л-Наёяд шунидан.

www.sattor.com

Маро гар бад-ин раҳнамоиш кунед,
В-аз ин банд роҳи[1] кушоиш кунед,

Ба ҷои шумо он кунам дар ҷаҳон,
Ки бо кеҳтарон кас накард аз меҳон.

Зи хубиву некиву аз ростӣ
Зи бад н-оварам дар шумо костӣ.»[2]

Ҳама мӯбадон посух оростанд,
Ҳама кому ороми ӯ хостанд,

Ки «Мо мар туро сар ба сар бандаем,
Дар ин бас шигифтӣ фурӯ мондаем,

Ки бошад[3] аз ин камтару бештар,
Ба зан подшоро накоҳад ҳунар.

Або он ки Меҳроб аз ин поя нест,
Бузург асту гирду сабукмоя нест.

Ҳамон аст, ки[4] бар тозиён подшост,
Ҳамон аст, к-аз гавҳари аждаҳост.

Яке нома бояд сӯи паҳлавон,
Чунон чун ту донӣ ба равшанравон.[5]

Туро худ хирад з-они мо бештар,
Равону гумонат беҳандештар.

Магар к-ӯ яке нома наздики шоҳ
Нависад,[6] кунад рои ӯро нигоҳ.

Манучеҳр аз рои Соми савор
Напечад, шавад кори душвор хор».

1. И-моро; Л-Мар ин банд роҳам.
2. Л-б.736 нест.
3. И-будааст.
4. ИЛ-Ва гар чанд.
5. ТПЗИЛ- Агар шоҳро бад нагардад гумон,
   Набошад аз ин нанг бар дудмон.
6. ИЛ-Фиристад.

www.sattor.com

НОМА НАВИШТАНИ ЗОЛ НАЗДИКИ СОМ ВА АҲВОЛ НАМУДАН

Сипаҳбад нависандаро пеш хонд,
Дил оганда будаш, ҳама барфишонд.

Яке нома фармуд наздики Сом,
Саросар навиду дуруду паём,

Ба хат аз нахуст офарин густарид
Бад-он додгар, к-ӯ замин[1] офарид.

Аз ӯяст шодӣ, аз ӯяст зӯр,
Худованди Ноҳиду Баҳрому[2] Ҳур.

Худованди ҳасту худованди нест,
Ҳама бандагонему Эзад якест.

Аз ӯ бод бар Соми Найрам дуруд,
Худованди кӯполу шамшеру хӯд.[3]

Чамонандаи диза ҳангоми гард,
Чаронандаи[4] каргас андар набард.

Физояндаи боди овардгоҳ,
Фишонандаи хун зи абри сиёҳ.

Гироянддаи тоҷу зарринкамар,
Нишонандаи шоҳ бар тахти зар.

Ба мардӣ ҳунар дар ҳунар сохта,
Сараш аз ҳунарҳо барафрохта.

Чу Соми Наримон гаҳи корзор
Ба мардӣ на ҳасту набошад савор.[5]

---

1. И-к-офарин.
2. И-кайвону.
3. ТПЗ - Ки гетӣ бишуст ӯ ба теғ аз бадон,
   Фурӯзандаи ахтари бихрадон.
4. И-Ҷаҳонандаи.
5. Л-б. 756 нест.

www.sattor.com

Ман ӯро ба сони яке бандаам,
Ба меҳраш равону дил огандаам.

Зи модар бизодам бад-он сон, ки дид,
Зи гардун ба ман-бар ситамҳо расид.

Падар буд дар нозу хаззу паранд,
Маро бурда Симурғ дар кӯҳи Ҳанд.[1]

Ниёзам бад-он, к-ӯ шикор оварад,
Або баччаам[2] дар шумор оварад.

Ҳаме пӯст аз бод бар ман бисӯхт,
Замон то замон хок чашмам бидӯхт.

Ҳаме хонандӣ маро пури Сом,
Бар авранг буд Сому ман бар куном.

Чу Яздон чунин ронд андар бавиш,
Бар ин гуна пеш оваридам равиш.

Кас аз ҳукми[3] Яздон наёрад гуреғ,
Агарчи бипаррад, барояд ба[4] меғ.

Синон гар ба дандон бихояд далер,
Бидаррад зи овози ӯ чарми шер

Гирифтори фармони Яздон бувад,
В-агарчанд дандон-ш сандон бувад.

Яке кор пеш омадам дилшикан,
Ки натвон намудан-ш*[1] бар анҷуман.

1. ТПЗИ- Маро хӯрд хун буд бар ҷои шир
Дар он ошёна ба сони асир.
Умедам ба Симурғ монда мудом,*
Дили мустаманду рухи зардфом.

* И- Ба ногоҳ ӯро фитодам ба дом.

2. ЛМ-баччагон.
3. ИЛ-доди.
4. Л-На сӯзанда оташ, на боранда.

www.sattor.com

Падар гар далер асту нараждаҳост,
Агар бишнавад рози[1] кеҳтар, равост.

Ман аз духти Меҳроб гирён шудам,
Чу бар оташи тез бирён шудам.

Ситора шаби тира ёри ман аст,
Ман онам, ки дарё канори ман аст.

Ба ранҷе расидастам аз хештан,
Ки бар ман бигиряд ҳама анҷуман.

Агарчи дилам дид чандин ситам,
Нахоҳам задан ҷуз бар фармон-т дам.

Чӣ фармояд акнун ҷаҳонпаҳлавон,
Раҳонам аз ин дарду сахтӣ равон».[2]

Сипаҳбад шунид, он чи мӯбад бигуфт,
Ки гавҳар кушода кунад аз нуҳуфт.

Зи паймон нагардад сипаҳбад[3] падар,
Бад-ин кор дастур бошад магар,

Ки ман духти Меҳробро ҷуфти хеш
Кунам, ростиро ба оину кеш.

Падар ёд дорад, ки чун мар маро
Бад-ӯ боз дод Эзади доваро.[4]

Ба паймон чунин гуфт пеши гурӯҳ,
«Чу бозоваридам зи Албурзкӯҳ,

Ки ҳеч орзу бар дилат нагсилам,
Кунун андар ин аст баста дилам».

---

1. ИЛМ-гуфти.
2. И-Кушоям аз ин ранҷу сахтӣ миён.
3. Л-Дили ман нагардад зи гуфтӣ.
4. Л-б. 777 нест.
*1 М-ситудан-ш.

www.sattor.com

Саворе ба кирдори Озаргушасп
Зи Кобул суи Сом шуд бар ду*[1] асп.

Бифармуду гуфт: «Ар бимонад яке,
Набояд туро дам задан андаке.

Ба дигар, сабук барнишину[2] бирав,
Бад-ин сон[3] ҳаме тоз то пеши гав».

Фиристода аз пеши ӯ бод гашт,
Ба зер - андараш чарма пӯлод гашт.

Чу наздикии Гургсорон расид,
Якояк зи[4] дураш сипаҳбад бидид.

Ҳаме гашт гирди яке кӯҳсор,
Ҷаҳонанда юзу раманда шикор.

Чунин гуфт бо ғамгусорони хеш,
Бад-он кордида саворони хеш,

Ки «Омад фиристодаи[5] кобулӣ,
Ба зер - андараш чармаи зобулӣ,

Фиристодаи Зол бошад дуруст,
Аз ӯ огаҳӣ ҷуст бояд нахуст.

Зи Дастону Эрону аз шаҳрёр
Ҳаме кард бояд сухан хостор».

Ҳам андар замон пеши ӯ шуд савор,
Ба даст - андарун номаи номдор.

Фуруд омаду хокро бӯса дод,
Басе аз ҷаҳонофарин[6] кард ёд.

1. М-И
2. Л-ду пой андаровар.
3. Л-шитобон.
4. Л-Ҳамон гаҳ.
5. ИЛ-Савори дамон.
6. Л-Фаровон бар ӯ офарин.

www.sattor.com

Бипурсиду бистад аз ӯ нома Сом,
Фиристода гуфт, он чи будаш паём.

Сипаҳдор бикшод аз он нома банд,
Фуруд омад аз теғи кӯҳи баланд.

Суханҳои Дастон якояк бихонд,
Бипажмурду бар ҷой хира бимонд.

Писандаш наёмад чунон орзуй,
Дигаргуна пиндошт[1] ӯро ба хӯй.

Чунин дод посух, ки омад падид
Сухан, ҳарчӣ аз гавҳари ӯ сазид.

Чу мурғи жиён бошад омӯзгор,
Чунин коми дил ҷӯяд аз рӯзгор.

Зи нахчир, к-омад сӯи хона боз,
Ба дил-ш - андар андеша омад дароз.

Ҳаме гуфт, агар гӯям ин, нест рой,
Макун доварӣ, сӯи дониш гирой.

Бари додгар низу бар анҷуман
Набошад писандида паймоншикан.[2]

Агар гӯям орею комат равост,[3]
Бипардоз дилро бад-он ч-ат ҳавост,

Аз ин мурғпарварда з-он девзод
Чӣ гуна барояд ҳамоно[4] нажод?!

Сараш гашт аз андешаи дил гарон,
Бихуфту[5] на осуда гашт андар он.

---

1. ИЛ-боисташ.
2. Л-б. 799-800 нест.
3. Л-Ҳаме гуфт агар гӯям ин ҳаст рост.
4. Л-Надонам чигуна барояд.
5. Л-Нахуфту.

www.sattor.com

Сухан ҳарчӣ бар банда душвортар,
Дилаш хастатар з-ону тан зортар.

Кушодатар он бошад андар ниҳон,[1]
Чу фармон диҳад кирдгори ҷаҳон.

РОЙ ЗАДАНИ СОМ БО МӮБАДОН ДАР КОРИ ЗОЛ

Чу бархост аз хоб, бо мӯбадон
Яке анҷуман кард бо[2] бихрадон.

Кушод он сухан бар ситорашумар,
Ки фарҷоми ин бар чӣ ояд ба сар?

Ду гавҳар чу обу чу[3] оташ ба ҳам
Баромехтан бошад аз бун[4] ситам.

Ҳамоно ки бошад ба рӯзи шумор
Фаридуну Заҳҳокро корзор.

Зи ахтар биҷӯеду фармон[5] диҳед,
Сари хома бар нақши фаррух ниҳед.

Ситорашиносон ба рӯзи дароз
Ҳаме з-осмон бозҷустанд роз.

Бидиданду бо ханда пеш омаданд,
Ки ду душман[6] аз бахт*[7] пеш омаданд.

Ба Соми Наримон ситорашумар
Чунин гуфт, к-«Эй гурди зарринкамар,

Туро мужда аз духти Меҳробу Зол,
Ки бошанд ҳар ду ду фаррухҳамол.

1. Л-Кушода шавад, ҳарчӣ бошад ниҳон.
2. Л-кард аз.
3. Л-Куҷо гавҳари обу.
4. Л-ман.
5. Л-посух.
6. И-ҳаме шод.
7. М-Чу шодондил аз бахти.

www.sattor.com

Аз ин ду ҳунарманд пиле жиён
Биёяд, бибандад ба мардӣ миён.

Ҷаҳоне зи пой[1] андарорад ба теғ,
Ниҳад тахти шоҳ аз бари пушти меғ.

Бибуррад паи бадсиголон зи хок,
Ба рӯи замин - бар намонад мағок.

На Сагсор монад, на Мозандарон,
Заминро[2] бишӯяд[3] ба гурзи гарон.

Аз ӯ бештар бад ба Турон расад,
Ҳама некуӣ з-ӯ ба Эрон расад.[4]

Ба хоб андарорад сари дардманд,
Бубандад дари ҷангу роҳи газанд.

Бад-ӯ бошад эрониёнро умед,
Аз ӯ паҳлавонро хирому[5] навид.

Паи борае к-ӯ чамонад ба ҷанг
Бимолад бар ӯ рӯй ҷангипаланг.[6]

Хунук подшоҳӣ ба ҳангоми ӯй,
Замона ба шоҳӣ барад номи ӯй.

Чу Руму чи Ҳинду чи Эронзамин,
Нависад ҳама номи ӯ бар нигин».[7]

Чу бишнид гуфтори ахтаршинос,
Бихандиду пазруфт аз эшон сипос.

1. Л-зери по.
2. Л-Ҷаҳонро.
3. И-бисӯзад.
4. Л-б. 819 нест.
5. Л-В-аз ӯ хусравонро ҳазорон.
6. ТПЗ- Чу* пилони ҷангиву шери жиён
Табаҳ гардад аз гурзи он паҳлавон.
* З-Чӣ.
7. б. 824 нест.

www.sattor.com

Бубахшидашон бекарон зарру сим,
Чу оромиш омад ба ҳангоми бим.

Фиристодаи Золро пеш хонд,
Зи ҳар гуна бо ӯ суханҳо биронд,

Бигуфташ, ки «Бо ӯ ба хубӣ бигӯй,
Ки ин орзуро набуд ҳеч рӯй.

Валекин чу паймон бад-ин буд нахуст,
Баҳона нашояд ба бедод ҷуст,

Ман инак ба шабгир аз ин размгоҳ
Сӯи шаҳри Эрон биронам сипоҳ.

Бад-он то чӣ фармон диҳад[1] шаҳрёр,
Чӣ орад-ш аз ин кор парвардгор».[2]

Фиристодаро дод чандин дирам,
Бад-ӯ гуфт: «Хезу мазан ҳеч дам».

Гусӣ кардашу худ ба роҳ ӣстод,
Сипоҳу сипаҳбад аз он кор[3] шод.

Бубастанд аз он гургсорон ҳазор,
Пиёда ба зорӣ кашиданд хор.

Ду баҳра чу аз тирашаб даргузашт,
Хурӯши саворон баромад зи дашт.

Ҳамон нолаи кӯс бо каррной
Баромад зи даҳлези пардасарой.

Сипаҳбад ба наздики Эрон кашид,
Сипаҳро ба назди деҳистон кашид.

Фиристода омад ба наздики Зол,
Або бахти фирӯзу фархунда фол.

1. ТПЗ - Биёсою акнун ту пӯшида дор,
Бад-он, то надонад кас аз рӯзгор.
2. И-фармоядам.
3. НМ-Чу орад аз ин коми ту комгор; Л-б.831 нест.

www.sattor.com

Чу омад, бад-ӯ дод пайғоми Сом,
Аз ӯ Зол бишниду шуд шодком.[1]

Гирифт офарин Зол бар кирдгор
Бад-он бахшишу шодмон рӯзгор.

Дирам доду динор дарвешро,
Навозанда шуд мардуми хешро.

Басе офарин бар сипаҳдор Сом,
Бикард ӯ аз он хуб додан паём.

На шаб хоб карду на рӯз орамид,
На май хӯрду на низ ромиш гузид,

Дилаш гашта буд орзуманди ҷуфт,
Ҳама ҳарчӣ гуфтӣ, зи Рӯдоба гуфт.[2]

ОГОҲӢ ЁФТАНИ СИНДУХТ АЗ КОРИ РӮДОБА

Миёни сипаҳдору он сарвбун
Зане буд гӯянда, ширинсухун.

Паём оваридӣ сӯи паҳлавон,
Ҳам аз паҳлавон сӯи сарви равон.

Сипаҳдор Дастон мар ӯро бихонд,
Сухан ҳарчӣ бишнид, бо ӯ биронд.

Бад-ӯ гуфт: «Наздики Рӯдоба шав,[3]
Бигӯяш, ки, эй некдил, моҳи нав,

Сухан чун ба тангиву сахтӣ расид,
Фарохишро зуд бинӣ калид».

---

1. И-гашт.
2. И-Ҳама ҳолҳо гуфт ба вай тамом; Л-б. 839 нест; И-пас аз б. 839 ин б. омада:

   Чу бишнид он Золи Соми савор,
   Бад-ӯ гашт бас шодмон рӯзгор.
3. Л-б. 824-844 нест.

www.sattor.com

Фиристода боз омад аз пеши Сом
Або шодмониву фаррухпаём.

Басе гуфту бишниду[1] зад достон,
Саранҷом ӯ гашт ҳамдостон.

Сабук посухи нома занро супурд,
Зан аз пеши ӯ рафту нома[2] бибурд.

Ба наздики Рӯдоба омад чу бод,
Бад ин*[3] шодмонӣ варо мужда дод.

Парирӯй бар зан дирам барфишонд,
Ба курсии зарпайкараш барнишонд.

Пас он гаҳ бидод ӯ бад-он чорагар
Яке даст ҷома бар он муждабар.[4]

Яке шора сарбанд пеш оварид,
Ҳама тору пуд андар он нопадид.

Ҳама пайкараш сурхёқуту зар,
Ҳама зар шуда нопадид аз гуҳар.

Яке ҷуфт пурмоя ангуштарӣ,
Фурӯзанда чун бар фалак Муштарӣ

Фиристод наздики Дастони Сом,
Басе дод бо ӯ дуруду паём.

Зан аз ҳуҷра рафту ба[5] айвон расид,
Нигаҳ кард Синдухт, ӯро бидид.

Ба овоз гуфт: «Аз куҷоӣ?-Бигӯй,
Сухан ҳарчӣ пурсам, ту кажжӣ маҷӯй.[6]

---

1. Л-рав.
2. ИЛ-ҷӯшиду
3. М-Аз он
4. Л-бозгашту.
5. Л-б. 855 нест;
   ТПЗ- Ҳамон низ аз баҳри фархунда Зол,
   Зи чизе, ки бошад мар ӯро ҳамол.
6. Л-чун назди.

www.sattor.com

Замон то замон пеши ман бигзарӣ,
Ба ҳуҷра дарои, ба ман нангарӣ.

Дили равшанам шуд ба ту бадгумон,
Нагӯӣ ба ман, то зеҳӣ ё камон».

Зан аз бими ӯ гашт чун сандарӯс,
Битарсид аз ӯву замин дод бӯс.[1]

Бад-ӯ гуфт: «Ҳастам яке[2] чораҷӯй,
Ҳаме нон фароз орам аз чанд рӯй.[3]

Равам ман сӯи хонаи меҳтарон,
Харанд аз ман ин ҷомаву[4] гавҳарон.[5]

Бад-ин ҳуҷра Рӯдоба пероя хост,
Ҳамон гавҳарони гаронмоя хост,

Биёвардамаш афсаре зарнигор,
Яке ҳалқа пургавҳари шоҳвор».

Бад-ӯ[6] гуфт: «Бигзор бар чашми ман,
Яке об барзан бар ин[7] хашми ман».

«Супурдам ба Рӯдоба,-гуфт,-ин ду чиз,
Фузун хост, к-акнун биёрам-ш низ».

«Баҳо,-гуфт,-Синдухт бинмоиям,[8]
Дили баста з-андеша бикшоиям.[9]

Дирам,-гуфт,-фардо диҳам моҳрӯй,
Баҳо то наёбам, ту аз ман маҷӯй!».

---

1. Л-б. 861 нест.
2. Л-б. 864 нест.
3. Л-зан: «Ман зани».
4. ТПЗ - Баҳое зи ҷома, зи пероёҳо
   Фурӯшам, зи мардум бувад мояҳо.
5. И-Зи ман ҷома бихранду ҳам.
6. Л-б. 866 нест.
7. ИЛ-Баҳо.
8. И-Яке об зан бар сари.
9. Л-бинмой зуд.

www.sattor.com

Ҳаме каж бидонист гуфтори ӯй,
Биёрост дилро ба пайкори ӯй[1]

Биёмад, бичӯсташ бару остӣ,
Ҳаме ҷуст аз ӯ кажживу костӣ.

Чу он ҷомаҳои гаронмоя дид,
Ҳам аз дасти Рӯдоба пероя дид,

Барошуфту гесӯи ӯро ба даст
Гирифту ба рӯй - андар афканд паст.

Ба хашм - андарун шуд, аз он зан ғамӣ,
Ба хорӣ кашидаш ба рӯи замӣ.[2]

Бияфканд ӯро, ҳам он ҷо бубаст,
Ҳамекӯфт пою ҳамезад ба даст.

В-аз он ҷо ба кох-андаромад дижам,
Ҳаме буд бо дарду андӯҳу ғам[3]

Дари кох бар хештан - бар бубаст,
Аз андешагон шуд ба кирдори маст.

Бифармуд, то духтараш рафт пеш,
Ҳаме даст барзад ба рухсори хеш,

Ду гулро*[4] ба ду наргиси обдор
Ҳаме шуст, то шуд гулон тобдор.[5]

Ба Рӯдоба гуфт: «Эй гаронмоя моҳ,
Чаро баргузидӣ ту бар гоҳ ҷоҳ?

Чӣ монд аз накӯ доштан дар ҷаҳон,
Ки нанмудамат ошкору ниҳон?

---

1. Л-бикшой зуд.
2. И-б. 874 нест; И-дар ӯ ростӣ; Л-бару ростӣ.
3. И-пас аз б. 877 ин б. омада:
   Кашонаш ҳаме бурду мӯяш канон,
   Бияфканд бар хок чун беҳушон.
4. М-рухро.
5. И-б. 878, 879 нест; Л-б. 876-879 нест.

www.sattor.com

Ситамгар чаро гаштӣ, эй моҳрӯй?!
Ҳама розҳо пеши модар бигӯй!

Ки ин зан зи пеши кӣ ояд ҳаме,
Ба наздат зи баҳри чӣ ояд ҳаме?[1]

Сухан бар чӣ сон асту ин мард кист,
Ки зебои сарбанду ангуштарист?

Зи ганҷи бузург афсари тозиён
Ба мо монд бисёр суду зиён.

Бад-ин номи худ дод хоҳӣ ба бод,
Чу ман зодаам, духт ҳаргиз кӣ зод?»[2]

Замин дид Рӯдобаву пушти пой.[3]
Фурӯ монд аз шарми модар ба ҷой.

Фурӯ рехт аз дидагон оби меҳр,
Ба хуни ду наргис биёрост чеҳр.

Ба модар чунин гуфт, к-«Эй пурхирад,
Ҳаме меҳр ҷони маро бишкарад.

Маро модарам гар[4] назодӣ зи бун,
Нарафтӣ зи ман нек ё бад сухун.

Сипаҳдори Зобул[5] ба Кобул бимонд,
Чунин меҳри ӯям[6] бар оташ нишонд.

Чунон танг шуд бар дилам-бар ҷаҳон.
Ки гирён шудам ошкору ниҳон.

Нахоҳам будан зинда бе рӯи ӯй,
Ҷаҳонам наярзад ба як мӯи ӯй.

---

1. Л-пажмурда он лолазор.
2. И-б. 886 нест.
3. ИЛ-мабод!
4. И-Чу ин дид Рӯдобаро даступой.
5. ИЛ-моми фаррух.
6. Л-Сипаҳдор Дастон.

www.sattor.com

Бидон к-ӯ маро диду бо ман нишаст,
Ба паймон гирифтем дасташ ба даст,

Ҷуз аз диданӣ чизи дигар нарафт,
Миёни ману ӯ худ оташ битафт.[1]

Фиристода шуд назди Соми бузург,
Фиристод посух ба Золи сутург.

Замоне бипечиду ранҷур буд,
Суханҳои боиста гуфту шунуд.[2]

Фиристодаро дод бисёр чиз,
Шунидам ҳама посухи Сом низ.

Ба дасти ҳамин зан, ки кандиш мӯй,
Задӣ бар замину кашидӣ ба рӯй,

Фиристода орандаи нома буд,
Ҳамон[3] посухи нома ин ҷома буд».

Фурӯ монд Синдухт аз ин гуфтугӯй,
Писанд омадаш Золро[4] ҷуфти ӯй.

Чунин дод посух, ки «Ин хурд нест,
Чу Дастон зи пурмоягон гурд нест.

Бузург асту пури ҷаҳонпаҳлавон,
Ҳамаш ному ҳам рою равшан равон.

Ҳунарҳо ҳама ҳасту оҳу яке,
Ки гардад ҳунар пеши ӯ андаке.

---

1. Л-Маро меҳри он ял.
2. ИЛ-дили ман.
3. Л - Бигуфтем чизе, ки боист гуфт,
   Набошад маро ҷуз магар Зол ҷуфт.
4. ТПЗ - Саранҷом ӯ гашт ҳамдостон,
   Бипурсид аз мӯбади бостон.
   Бад-ин кор гашта зи Мозандарон
   Або хешу пайванду номоварон.

www.sattor.com

Шавад шоҳи Эрон[1] бад-ин хашмнок,
Зи Кобул барорад ба хуршед хок.

Нахоҳад, ки аз тухми мо бар замин
Касе пои хеш андарорад ба зин».

Раҳо кард занрову бинвохташ,
Чунон кард пайдо, ки нашнохташ.

Ба зан гуфт, к-«Эй зираки ҳушёр,
Чунон кун, ҳамеша лабат баста дор.[2]

Мабодо лаби ту ба гуфтор чок,
Суханро ҳамин ҷо фурӯ кун ба хок».

Чунон дид духтар-шро дар ниҳон,
Куҷо нашнавад панди кас дар ҷаҳон.[3]

Биёмад зи тимору гирён бихафт,
Ҳаме пӯст бар тан-ш гуфтӣ, бикафт.[4]

ОГОҲ ШУДАНИ МЕҲРОБ АЗ КОРИ ДУХТАРАШ

Биёмад зи даргоҳ Меҳроб шод,
К-аз ӯ карда буд Зол бисёр ёд.

Гаронмоя Синдухтро хуфта дид,
Рухаш пажмурида, дил ошуфта дид.

Бипурсиду гуфташ: «Чӣ дидӣ, бигӯй,
Чаро пажмуридат ду гулбарги рӯй?»

Чунин дод посух ба Меҳроб[5] боз,
Ки «Андеша андар дилам шуд дароз.

---

1. Л-Маро.
2. Л-Золи Зар.
3. ИЛ-гетӣ.
4. ИЛ-б. 911 нест.
5. Л - Бидон, то ба бад номашон дар ҷаҳон
Касе нашнавад ошкору ниҳон.

www.sattor.com

Аз ин ганҷи[1] ободу ин хоста
В-аз ин тозиаспони ороста,

Аз ин кохи ободу ин бӯстон
Аз ин комгорӣ дили дӯстон[2]

В-аз ин ридакони[3] сипаҳбадпараст,
В-аз ин боғу ин хусравонӣ нишаст.

В-аз ин чеҳраву сарви болои мо,
В-аз ин ному ин донишу рои мо.

Бад-ин обдориву ин ростӣ
Замон то замон оядаш костӣ.

Ба ноком бояд ба душман супурд,
Ҳама ранҷи мо бод бояд шумурд.

Яке танг сандуқ[4] аз он баҳри мост,
Дарахте, ки тарёки ӯ заҳри мост.

Бикиштему додем обаш ба ранҷ,
Баровехтем аз бараш тоҷу ганҷ.

Чу бар шуд ба хуршеду шуд соядор,
Ба хок андаромад сари моядор.

Бар ин аст анҷоми фарҷоми мо,
Надонам, куҷо бошад ороми мо».

Ба Синдухт Меҳроб гуфт: «Ин сухан
Нав овардиву нав бикардӣ[5] куҳан.

Сарои сипанҷӣ бад-ин сон бувад,
Яке хору дигар таносон[6] бувад,

1. Л-Аз он неку бад чиз бо кас нагуфт.
2. ИЛ-посухаш дод Синдухт.
3. Л-кохи.
4. -тангтобут.
5. Л-нагардад.
6. Л-Хирадёфта з-ӯ ҳаросон.

www.sattor.com

Яке андарояд, дигар бугзарад,
Кӣ дидӣ, ки чархаш ҳаме нашкарад?[1]

Ба тангии дил ғам нагардад дигар,
Бар ин нест пайкор бо додгар».

Бад-ӯ гуфт Синдухт, к-«Ин достон
Ба рӯи дигар барниҳад ростон.

Чӣ гуна тавон кардан аз ту ниҳон
Чунин розу ин корҳои гарон.[2]

Хирадёфта мӯбади[3] некбахт,
Ба фарзанд зад достони дарахт.

Задам достон то зи роҳи хирад,
Сипаҳбад ба гуфтори ман бингарад.

Фурӯ бурд сар, сарвро[4] дод хам,
Ба наргис гули сурхро дода нам,

Ки гардун на з-он сон хаме бигзарад,
Ки моро ҳаме бояд, эй пурхирад.

Чунон дон, ки Рӯдобаро пури Сом
Ниҳонӣ ниҳодаст ҳар гуна дом.

Бибурдаст равшан дили ӯ зи роҳ,
Яке чорамон кард бояд нигоҳ.

Басе*[5] додамаш панду суде накард,
Дилаш хира бинам, ду рухсора зард».[6]

---

1. Л- Яке эдар ояд, яке бигзарад,
Кӣ моро ҳамеёбад, эй пурхирад?
2. Л-б. 934 нест.
3. Л-мардуми.
4. Л-сарви саҳӣ.
5. М-Ҳаме.
6. ТПЗ - Дилаш пурғаму дард бинад ҳаме,
Лабаш хушку дам сард бинад ҳаме.

www.sattor.com

Чу бишнид Меҳроб, бар пой ҷаст,
Ниҳод аз бари дастаи теғ даст.

Танаш гашт ларзону рух лоҷвард,
Пур аз хун ҷигар, лаб пур аз боди сард.

Ҳаме гуфт: «Рӯдобаро рӯди хун
Бирезам ба рӯи замин ҳам кунун.»[1]

Чу он дид Синдухт, бар пой ҷаст,
Камар кард бар гирдгоҳаш ду даст.

Чунин[2] гуфт, к-«Аз кеҳтар акнун яке
Сухан бишнаву гӯш дор андаке.

В-аз пас ҳамон кун, ки рой оядат,
Бар он рав, ки дил раҳнамой оядат».

Бупечиду андохт ӯро ба даст,
Хурӯше баровард чун пили маст.

Ҳаме гуфт[3]: «Чун духтар омад падид,
Бибоистамаш дарзамон[4] сар бурид.

Накуштам, нарафтам ба роҳи ниё,
Кунун сохт бар ман чунин кимиё.

Писар, к-ӯ зи роҳи падар бугзарад,
Далераш зи пушти падар нашмарад».

Яке достон зад бар ин - бар паланг,
Бар-он гаҳ ки дар ҷанг шуд тезчанг.

«Маро корзор аст,-гуфт,-орзуй,
Падар аз ниё ҳамчунин дошт хӯй.

---

1. Л - Зи Рӯдоба, гуфто, яке рӯди хун
Ба рӯи замин-бар биронам кунун.
2. Л-Варо.
3. Л-Ва гуфт.
4. Л-Бибоисташ андар замон.

www.sattor.com

Нишони падар бояд андар писар,
Раво бошад, ар камтар орад ҳунар.[1]

Ҳамам бими ҷон асту ҳам ҷои нанг,
Чаро боздорӣ сарамро зи ҷанг?

Агар Соми ял бо Манучеҳршоҳ
Биёбанд бар мо яке дастгоҳ,

Зи Кобул барояд ба хуршед дуд,
Намонад бар ин бум[2] кишту дуруд».

Чунин гуфт Синдухт, к-«Эй паҳлавон,
Аз ин дар магардон ба хира забон,

К-аз ин огаҳӣ ёфт Соми савор,
Ба дил тарсу тимор чандин мадор.

Вай аз Гургсорон бад-ин гашт боз,
Кушода шудаст ин сухан, нест роз».

Чунин гуфт Меҳроб, к-«Эй моҳрӯй,
Сухан ҳеч бо ман ба каҷжӣ магӯй.

Чунин худ кай андархурад бо хирад,
Ки мар хокро бод фармон барад.

Маро нестӣ дил бар ин дардманд,
Агар эминӣ ёфтӣ аз[3] газанд.

Зи Золи гаронмоя домод беҳ
Набошад, ҳаме донад аз кеҳва меҳ.[4]

Кӣ бошад, ки пайванди Соми савор
Нахоҳад аз Аҳвоз[5] то Қандаҳор?»

1. Л-б. 953. 954 нест.
2. Л-На обод монад, на.
3. Л-ёбам аз ин.
4. Л-б. 964 нест.
5. Л-зи тотор.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт Синдухт, к-«Эй сарфароз,
Ба гуфтори кажже мабодам ниёз.

Газанди ту пайдо газанди ман аст,
Дили дардманди ту банди ман аст.

Чунин асту ин бар дилам[1] шуд дуруст,
Ҳамин буд гумоне маро аз нахуст,

К-аз он гуна диди̅ маро дарднок,
Ба ғам хуфта, шоди̅ зи дил рафта пок.[2]

Агар бошад ин, нест кори шигифт,
Ки чандин бад андеша[3] бояд гирифт,

Фаридун ба Сарви Яман гашт шод,
Ҷаҳонҷӯй Дастон ҳамин кард ёд.

Ки аз[4] оташу обу аз боду хок
Шавад[5] тира рӯи замин тобнок.

Биёвард пас[6] посухи нома пеш,
Варо гуфт: «Хуш кун аз ин коми хеш.

Ҳар он гаҳ, ки бегона шуд хеши ту,
Бувад тира рӯи бадандеши ту.»

Ба Синдухт Меҳроб биспурд гӯш,
Диле пур зи кина, саре пур зи ҷӯш.[7]

Ба Синдухт фармуд пас номдор,[8]
Ки «Рӯдобаро хезу назди[9] ман ор».

1. Л-мар маро.
2. Л-б. 969 нест.
3. Л-чандин-т андеша.
4. Л-бе.
5. Л-Нашуд.
6. Л-он.
7. Л-пурхурӯш.
8. Л-Чунин гуфт Синдухтро номдор.
9. Л-пеши.

www.sattor.com

Битарсид Синдухт аз он шермард,[1]
Ки Рӯдобаро[2] андарорад ба гард.

Бад-ӯ гуфт: «Паймон-т хоҳам нахуст,
Ки ӯро супорӣ ба ман тандуруст.

В-аз он чун биҳишти барин гулситон,
Нагардад тиҳӣ руи[3] Кобулситон».

Яке сахт паймон ситад з-ӯ нахуст,
Ба чора дилашро зи кина бишуст.

Забон дод Синдухтро номҷӯй,
Ки Рӯдобаро бад наёрад ба рӯй.

Бад-ӯ гуфт: «Бингар, ки шоҳи замин
Сар аз мо кунад з-ин сухан пур зи кин».[4]

Чу бишнид Синдухт, сар пеши ӯй
Фурӯ бурду бар хок бинҳод рӯй.

Бари духтар омад пур аз ханда лаб,
Кушода рухи рӯзгун зери шаб.

Ҳаме мужда додаш, ки ҷангипаланг
Зи гӯри жиён кард кӯтоҳ чанг[5]

Кунун зуд пероя бикшо зи рӯй,
Ба пеши падар шав, ба зорӣ бимӯй.[6]

Бад-ӯ гуфт Рӯдоба: «Пероя чист,
Ба ҷои сари моя бемоя чист?

---

1. Л-тезмард.
2. Л-Ки ӯро зи дард.
3. Л-кохи.
4. ТПЗЛ- Намонад бару бум, на мому боб,
Шавад паст Рӯдобаву рӯди об.
5. ТПЗ - Ба додори доранда Меҳроби гурд
Яке сахт савгандро ном бурд,
Ки н-озорад аз кина як тори мӯй
Бар он сарви симинбару мохрӯй.
6. Л-бигӯй.

www.sattor.com

Равони маро пури Сом аст ҷуфт,
Чаро ошкоро бибояд нуҳуфт?»

Ба пеши падар шуд чу хуршеди Шарқ,
Ба ёқути зард - андарун гашта ғарқ.

Падар чун варо дид, хира бимонд,
Ҷаҳонофаринро ниҳонӣ*[1] бихонд.

Биҳиште буд ороста пурнигор,
Чу хуршеди тобон ба хуррам[2] баҳор.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй шуста мағз аз хирад,
Ба пургавҳарон ин кай андархурад,

Ки бо аҳриман ҷуфт гардад парӣ,
Ки на тоҷ бодат, на ангуштарӣ?

Гар аз дашти Қаҳтон яке моргир
Шавад муғ, бибояд-ш куштан ба тир».

Чу Рӯдоба ин аз падар бишнавид,
Дилаш гашт пурхун, рухаш шанбалид.[3]

Сияҳмижжа бар наргисони дижам
Фурӯ хобаниду назад ҳеч дам.

Падар дил пур аз хашму сар пур зи ҷанг,
Ҳаме гашт ғуррон ба сони паланг.

Сӯи хона шуд духтари дилшуда,
Рухони муасфар ба хун ожада.

Ба Яздон гирифтанд ҳарду паноҳ,
Ҳамон дилшуда моҳу ҳам пешгоҳ.

---

1. М-фаровон.
2. Л-вақти.
3. Л-б. 995 нест;
ТПЗ- Чу бишнид Рӯдоба посух, бисӯхт,
Зи шарми падар рӯйро барфурӯхт.

www.sattor.com

ОГОҲ ШУДАНИ МАНУЧЕҲР АЗ КОРИ ЗОЛ ВА РӮДОБА

Пас огоҳӣ омад ба шоҳи бузург
Зи Меҳробу Дастони Соми сутург.

Зи пайванди Меҳробу аз меҳри Зол,
В-аз он ҳарду озодаи ноҳамол[1]

Сухан рафт ҳар гуна бо мӯбадон,
Ба пеши сарафроз шоҳи ҷаҳон.

Чунин гуфт бо бихрадон шаҳрёр,
Ки «Бар мо шавад з-ин дижам рӯзгор.

Чу Эрон зи чанголи шеру паланг
Бурун оваридам ба рою ба ҷанг,

Фаридун зи Заҳҳок гетӣ бишуст,
Ки Меҳроби Кобул зи тухмаш бируст.[2]

Набояд, ки бар хира аз ишқи Зол
Ниҳоли[3] сарафканда гардад ҳамол.

Гар аз духти Меҳробу аз пури Сом
Барояд яке теғи тез[4] аз ниём,

Ба як сӯ на аз гавҳари мо бувад,
Чу тарёк бо захр ҳамто бувад.[5]

Ва гар тоб гирад[6] сӯи модараш,
Зи гуфти бад оганда гардад сараш.

---

1. Л-В-аз он ноҳамолони гашта ҳамол; Л-пас аз б. 1001 ин. б. омада:
   Манучеҳр аз ин кор шуд пур зи дард,
   Зи Меҳробу Дастон ба дил дард х(в)ард.
2. ЛМ-Битарсам, ки ояд аз он тухм руст.
3. Л-Ҳамоли.
4. Л-кин.
5. Л-б. 1008 нест.
6. Л-боз гардад.

www.sattor.com

Кунад шаҳри Эрон пурошӯбу ранҷ,
Бад-ӯ бозгардад магар тоҷу ганҷ.[1]

Кунун ин суханро чӣ посух диҳед,
Бикӯшед, то рои фаррух ниҳед».[2]

Ҳама мӯбадон офарин хонданд,
Варо хусрави покдин хонданд.

Бигуфтанд, к-«Аз мо ту донотарӣ,
Ба боистаниҳо тавонотарӣ.

Ҳамон кун куҷо аз[3] хирад дарх(в)арад,
Дили аждаҳоро хирад бишкарад».

Чу бишнид аз эшон гаронмоя шоҳ,
Саранҷоми онро ҳаме ҷуст роҳ.[4]

Бифармуд, то Нӯзар омад ба пеш
Або вижагону бузургони хеш.

Бад-ӯ гуфт: «Рав пеши Соми савор,
Бипурсаш, ки чун растӣ аз корзор?

Чу дидӣ, бигӯяш, к-аз ин сӯ гирой,
Зи наздики мо кун сӯи хона рой».[5]

Чу Нӯзар бурун шуд зи пеши падар,
Бари паҳлавон зуд бинҳод сар.[6]

---

1. ТПЗ - Бигӯед, то ин чӣ рой оварам,
   Ки ин достонро ба ҷой оварам.
   Набояд ки ин кор гардад дароз,
   Ба ҳам андарояд сари сарафроз.
2. Л-б. 1011 нест.
3. Л-бо.
4. Л-б. 1015 нест.
5. Л-Ба наздики мо кун ту аз хона ҷой.
6. Л-б. 1019, 1020 нест.
   ТПЗ - Ҳамон гоҳ бархост фарзанди шоҳ,
   Або вижагон сар ниҳода ба роҳ.
   Сӯи Соми Найрам ниҳоданд рӯй
   Або жандапилони пархошҷӯй.

www.sattor.com

Чу з-ин кор Соми ял огоҳ шуд,
Пазира сӯи пури Кайшоҳ шуд.

Ҳама паҳлавонон[1] пазира шуданд,
Або[2] жандапилу табира шуданд.

Расиданд пас пеши Соми савор
Бузургон або Нӯзари номдор.

Ба пурсиш гирифтанд бо якдигар
Радону бузургони пархошх(в)ар.[3]

Паёми падар шоҳ Нӯзар бидод,
Ба дидори ӯ Соми ял гашт шод.

Чунин дод посух, ки «Фармон кунам,
Зи дидори ӯ ромиши ҷон кунам».

Буданд андар он рӯз меҳмони Сом,
Ба дидори Сом он гурӯҳ шодком.[4]

Ниҳоданд хону гирифтанд ҷом,
Нахуст аз Манучеҳр бурданд ном.

Пас аз Нӯзару Сому ҳар меҳтаре
Гирифтанд ёде зи ҳар кишваре.[5]

Ба шодӣ сар омад шаби дерёз,[6]
Чу хуршеди рахшанда бикшод роз.

Хурӯши табира баромад зи дар,
Ҳаюни таковар баровард пар.

Сӯи боргоҳи Манучеҳршоҳ
Ба фармони ӯ баргирифтанд роҳ.

---

1. Л-номдорон.
2. Л-Чи бо.
3. ТПЗ - Аз он пас нишастанд дар марғзор,
Сухан гуфта омад зи ҳар хостгор.
4. Л-б. 1026 нест.
5. Л-б. 1028 нест.
6. Л-Ба шодӣ шаби тира то дер боз.

www.sattor.com

Манучеҳр чун ёфт з-ӯ огаҳӣ,
Биёрост айвони[1] шоҳаншаҳӣ.

Зи Сориву Омул баромад хурӯш,
Чу дарёи ҷӯшон даромад ба ҷӯш.

Бирафтанд он гоҳ жӯпинварон
Або ҷавшану хиштҳои гарон.

Сипоҳе, ки аз кӯҳ то кӯҳ мард
Сипар дар сипар бофта сурху зард.[2]

Або кӯсу бо ною рӯина санҷ,
Або тозиаспону пилону ганҷ.

Аз он гуна лашкар*[3] пазира шуданд,
Ҳамон бо дурафшу табира шуданд.

ОМАДАНИ СОМ БА НАЗДИ МАНУЧЕҲР

Чу омад ба наздикии[4] боргоҳ,
Пиёда шуду роҳ бикшод шоҳ.

Чу шоҳи ҷаҳондор бинмуд рӯй,
Заминро бибӯсиду шуд пеши ӯй.

Манучеҳр бархост аз тахти оҷ,
Зи ёқути рахшанда бар сар-ш тоҷ.

Бари хеш бар тахт биншохташ,[5]
Чунон[6] чун сазо буд, бинвохташ.

Пас аз Гургсорону ҷанговарон,
В-аз он наррадевони Мозандарон

1. Л-дайҳими.
2. И-б. 922-1035 нест.
3. М-Сипаҳ як сар андар.
4. Л-наздики он.
5. Л-Фаровон бипурсиду бинвохташ.
6. Л-Мар ӯ.

www.sattor.com

Бипурсид бисёру тимор х(в)ард,
Сипаҳбад ҳама як ба як ёд кард,[1]

Ки «Шодон зӣ, эй шоҳ, то ҷовидон
Зи ҷони ту кӯтаҳ бади бадгумон!

Бирафтам бад-он шаҳри девони нар,
Чӣ девон, ки шерони пархошх(в)ар.

Аз аспони тозӣ таковартаранд,
Зи гурдони Эрон диловартаранд.

Сипоҳе, ки саксор хонандашон,
Палангони ҷангӣ гумонандашон.

Зи ман чун бад-эшон расид огаҳӣ,
Аз овози ман мағзашон шуд тиҳӣ.

Ба шаҳр - андарун наъра бардоштанд,
В-аз он пас ҳама шаҳр бигзоштанд.

Сипоҳи гарон, кӯҳ то кӯҳ мард,
Ки пайдо набуд рӯзи равшан зи гард.[2]

Ба пешам ҳама ҷангҷӯй омаданд,
Чунин хиpаву пӯй-пӯй омаданд.[3]

Дарафтод тарс андар ин лашкарам,
Надидам, ки тимори он чун х(в)арам.

Маро кор афтода буд он замон,
Задам бонг бар лашкари бадгумон.

Барафроштам гурзи сесадманӣ,
Барангехтам бораи оҳанӣ.

1. Л-1044 нест.
2. Л-б. 1050 нест.
3. ТПЗИ - Замин ҷунб-ҷунбон шуду рӯз тор,
Пас андар фароз омаду пеш ғор.
Л- Сипаҳ ҷунб-ҷунбон шуду кӯҳсор
Пас андар падид омаду пеш ғор...

www.sattor.com

Ҳаме рафтаму кӯфтам нағзашон,
Тиҳӣ гашт*[1] аз ҳайбатам мағзашон.[2]

Набера ҷаҳондор Салми сутург
Ба пеш андаромад ба кирдори гург.

Ҷаҳонҷӯйиро ном Каркуй буд,
Яке сарвболо накӯрӯй буд.

Ба модар ҳам[3] аз тухми[4] Заҳҳок буд,
Сари саркашон[5] пеши ӯ хок буд.

Сипоҳаш ба кирдори мӯру малах,
На буд дашт пайдо, на кӯҳу на шах.

Чу бархост з-он лашкари гашн гард,
Рухи номдорони мо гашт зард.

Ҳамин гурзи якзахм[6] бардоштам,
Сипаҳро ҳамон ҷой бигзоштам.

Чунон бархурӯшидам*[7] аз пушти зин,
Ки чун осиё шуд бар эшон замин.

Дил омад сипаҳро ҳама боз ҷой,
Саросар сӯи разм карданд рой.

Чу бишнид Каркуй овози ман,
Ҳамон захми кӯполи сарёзи ман,

---

1. М-кардам.
2. Л-б. 1052-1054 нест;
   ТПЗ- Ба хар ҳамла сад тан фикандам зи пой,
   Ба ҳар гурз деве шуда хоксой.
   Чу оҳубара аз бари шери нар,
   Рамиданд яксар аз ин говсар.
3. И-Зи модар вай.
4. Л-зи пайванди.
5. Л-сарварон.
6. Л-лахт.
7. Хурӯше хурӯшидам.

www.sattor.com

Биёмад ба наздики ман размсоз,[1]
Чу пили дамон[2] бо каманди дароз.

Маро хост, к-орад ба ҳамми каманд,
Чу дидам, хамидам зи роҳи газанд.

Камони каёнӣ гирифтам ба чанг
Ба пайкони пӯлоду тири ҳаданг.

Уқоби таковар*[1] барангехтам,
Чу оташ бар ӯ тир мерехтам.

Гумонам чунон шуд, ки сандонсараш
Бишуд дӯхта танг бо миғфараш.

Нигаҳ кардам аз гард, чун пили маст
Баромад, яке теғи ҳиндӣ ба даст.

Чунон омадам, шаҳрёро, гумон,
К-аз ӯ кӯҳ зинҳор хоҳад ба ҷон.

Вай андар шитобу ман андар диранг,
Ҳамеҷустамаш, то кай ояд ба чанг.

Чу омад барам марди ҷангӣ фароз,[3]
Ман аз чарма чангол кардам дароз.

Гирифтам камарбанди марди далер,
Зи зин баргусистам ба кирдори шер.

Задам бар заминаш чу пили[4] жиён,
Ки ӯро ҳама хурд шуд устухон.[5]

Чу афканда шуд шоҳ аз ин гуна хор,
Сипаҳ рӯй баргошт аз корзор.

1. ИЛ-ҷангсоз.
2. ИЛ-жиён.
3. Л-Чу омад ба наздики ман размсоз.
4. Л-шери.
5. И-Задам теғи ҳиндӣ варо бар миён.
*1 М-диловар.

www.sattor.com

Нишебу фарозу биёбону кӯҳ,
Ба ҳар сӯ шуданд анҷуман, ҳамгурӯҳ.

Савору пиёда даҳу ду ҳазор,
Фиканда падид омад андар шумор.

Сипоҳиву шаҳриву ҷангӣ савор
Ҳамоно, ки буданд сесад ҳазор.[1]

Чӣ санҷад бадандеш бо бахти ту
Ба пеши парастандаи тахти ту?!»

Чу бишнид гуфтори солор шоҳ,
Барафрохт бар[2] моҳ фаррух кулоҳ.[3]

Маю маҷлис[4] орасту шуд шодмон,
Ҷаҳон пок дид[5] аз бади бадгумон.

Ба бигмоз[6] кӯтоҳ карданд шаб,
Ба ёди сипаҳбад кушода ду лаб.

Чу шаб рӯз шуд, пардаи боргоҳ
Кушоданду доданд зӣ шоҳ роҳ.

Биёмад сипаҳдор Соми сутург
Ба назди Манучеҳр шоҳи бузург.

Ба шоҳ офарин кард он беҳамол,
Ҳаме хост гуфтан зи Меҳробу Зол,

Ки шоҳи ҷаҳон пештар баргирифт,[7]
Суханро ба рӯи дигар[8] баргирифт.[9]

---

1. ТПЗ - Гирифтор гаштанд аз он сарварон,
Даҳу ду ҳазоре зи номоварон.
2. ИЛ-то.
3. ТПЗ - Чу рӯз аз шаб омад ба кӯшиш сутӯх,
Сутӯҳӣ гирифта фурӯ шуд ба кӯҳ.
4. Л-ромиш.
5. Л-монд.
6. Л-гуфтор.
7. И-даргирифт.
8. И-дижам.
9. -б. 1086, 1087 нест

www.sattor.com

Чунин гуфт бо Сом шоҳи ҷаҳон,
К-«Аз эдар бирав бо гузида меҳон.

Ба Ҳиндустон - андар оташ фурӯз,
Ҳама кохи Меҳробу Кобул бисӯз!

Набояд, ки ӯ ёбад аз ту раҳо,
Ки ӯ монда аз тухмаи аждаҳо.

Замон то замон з-ӯ барояд хурӯш,
Шавад ром гетӣ пур аз ҷангу ҷӯш.

Ҳар он кас, ки пайвастаи ӯ бувад,
Бузурге, ки дилбастаи ӯ бувад.

Дигар он ки аз тухмаи ӯ бувад,
Зи пайванди Заҳҳоки ҷоду бувад.[1]

Сар аз тан ҷудо кун, заминро бишӯй
Зи пайванди[2] Заҳҳоку хешони ӯй!»

Бад-ӯ шоҳ чун хашму тезӣ намуд,
Наёраст он гаҳ[3] сухан барфузуд.

Бибӯсид тахту бимолид рӯй
Бар он номвар мӯҳри ангушти ӯй.

Бад-ӯ дод посух, ки «Эдун кунам,
Ки кин аз дили шоҳ берун кунам.»

Сӯи хона бинҳод сар бо сипоҳ
Бар он бодпоёни пӯяндароҳ.

РАФТАНИ СОМ БА ҶАНГИ МЕҲРОБ

Ба Меҳробу Дастон расид ин сухун,
Ки шаҳ бо сипаҳбад чӣ афканд бун.

1. Л-б. 1093 нест.
2. Л-мардони.
3. Л-бар. Л-пас аз б. 1250 ин б. омада:
Ҳама рӯз то шаб дар андеша буд,
Дилаш аз бас андеша чун беша буд.

www.sattor.com

1100 Баромад ҳама шаҳри Кобул ба ҷӯш,
В-аз айвони Меҳроб бар шуд хурӯш.

Чу Синдухту Меҳробу Рӯдоба низ
Ба навмед гаштанд аз ҷону чиз.

Хурӯшон зи Кобул ҳаме рафт[1] Зол,
Фурӯ ҳишта лафчу баровარда ёл.

Ҳаме гуфт: «Агар аждаҳои дижам
Биёяд, ки гетӣ бисӯзад ба дам,

Чу Кобулситонро бихоҳад бисуд,
Нахустин сари ман бибояд дуруд.»

Шитобон ҳаме рафт пурхун ҷигар,
Пурандеша дил, пур зи гуфтор сар.

1105 Чу огоҳӣ омад ба Соми далер,
Ки омад зи раҳ баччаи наррашер,[2]

Ҳама лашкар аз ҷой бархостанд,
Дурафши Фаридун биёростанд.

Пазира шуданро табира заданд,[3]
Сипоҳи[4] сипаҳбад пазира шуданд.

Ҳама пушти пилон ба рангин дурафш
Биёроста сурху зарду бунафш.[5]

1110 Чу рӯи падар дид Дастони Сом,
Пиёда шуд аз аспу бигзорд гом.[6]

1. Л-ҳаме тохт.
2. Л-б. 1105, 1106 нест.
3. Л-Або ною кӯсу табира шуданд.
4. Л-Сипоху.
5. ТПЗЛ - Чу Дастон падид омад аз дур Сом,
Барангехт болои зарринситом.*
Чунин то ба наздик шуд Золи Зар,
Бишуд шод аз он чеҳру болову фар.
* Л - Ҳамон номдорон ба зарринниём.
6. Л-б. 1110 нест.

www.sattor.com

Бузургон пиёда шуданд аз ду рӯй,
Чи дайҳимдору чи дайҳимҷӯй.[1]

Заминро бибӯсид Золи далер,
Сухан гуфт бо ӯ падар низ дер.

Нишаст аз бари тозиаспи саманд
Чу заррин[2] дурахшанда кӯҳи баланд.

Бузургон ҳама пеши ӯй омаданд,
Ба тимору бо гуфтугӯй омаданд,

Ки «Озурда гаштаст аз ту падар,
Яке[3] пӯзиш овар, макаш ҳеч сар».

Чунин дод посух, к-«Аз ин бок нест,
Саранҷоми мардум ба ҷуз[4] хок нест.

Падар гар ба мағз андарорад хирад,
Ҳамоно сухан бар сухан нагзарад.

Магар то забонро биронад ба хашм,
Пас аз шарм об андарорад ба чашм».[5]

Чунин то ба даргоҳи Сом омаданд,
Кушодадилу шодком омаданд.

Фуруд омад аз асп Соми савор,
Ҳам андарзамон Золро дод бор.[6]

Чу Зол андаромад ба пеши падар,
Заминро бибӯсиду густард пар.[7]

Яке офарин кард бар Соми гурд,
В-аз оби ду наргис ҳаме гул сутурд,

---

1. Л-солорхоҳу чи солорҷӯй.
2. Л-варзин.
3. Л-Раҳи.
4. Л-Маро ҷой фарҷом чуз.
5. Л - Агар баркушояд забонро ба меҳр,
Ман аз шармаш об андарорам ба чеҳр.
6. И-б. 1089-1120 нест.
7. Л-бардошт сар.

www.sattor.com

Ки «Бедордил паҳлавон шод бод,
Равонаш парастандаи[1] дод бод.

Зи теғи ту алмос бирён шавад,
Замин рӯзи ҷанги ту гирён шавад.

Куҷо дизаи[2] ту чамад рӯзи ҷанг
Шитоб ояд андар сипоҳи диранг.

Сипеҳре куҷо боди гурзи ту дид,
Ҳамоно[3] ситора наёрад кашид.

Замин сар ба сар сабз бо доди ту,
Равони хирад кишти бунёди ту.

Ҳама мардум аз доди ту шодмон,
Зи ту дод ёбад замину замон.[4]

Магар ман[5] зи доди ту бебаҳраам,
В-агарчи зи пайванди ту шӯҳраам.[6]

Яке мурғпарвардаам хокх(в)ард,
Зи гетӣ маро нест бо кас набард.*[7]

Надонам ҳаме хештанро гуноҳ,
Ки бар ман касеро ба бад ҳаст роҳ[8]

Магар он ки Соми ял астам падар,
Агар нест бо ин нажодам ҳунар.

Зи модар бизодам, бияндохтӣ,
Ба кӯҳ - андарам ҷойгаҳ сохтӣ.

1. Л-кушоянда.
2. Л-чармаи.
3. Л-Бимонад.
4. Л-б. 1128 нест.
5. Л-Шигитфе.
6. Л-пас аз б. 1129 ин б. омада:
   Зи инсофу додат ҷаҳон баҳраманд,
   Ситамро зи дасти ту бар пой банд.
7. М-Ба гетӣ касе нестам ҳамнабард.
8. Л-б. 1131 нест.

www.sattor.com

Фиканд ба тимор зояндаро,[1]
Ба оташ супурд[2] физояндаро.

На гаҳвора дидам, на пистони шир,
На аз ҳеч хушш маро буд вир.

Бибурд, ба кӯҳе бияфкандиям,
Дил аз нозу ором баркандиям.[3]

Туро бо ҷаҳанофарин буд ҷанг,
Ки аз ч сапеду сиёҳ аст ранг?

Кунун, к-ам ҷаҳонофарин парварид,
Ба чашми худо ба ман бингарид.[4]

Ҳунар ҳасту мардиву теғи ял,
Яке ёр чун[5] меҳтари кобул.[6]

Або тахту бо тоҷу гурзи гарон
Або рою бо тоҷдорон[7] сарон.[8]

Нишастам ба Кобул ба фармони ту,
Нигаҳ доштам рою паймони ту.

Бигуфт, ки ҳаргиз наёзорамат,
Дарахте, ки кишт, ба бор орамат.

Зи Мозандарон ҳадя ин сохт,
Ҳам аз Гургсорон бад-ин тохт,

1. Л-Супурд ба тимору ғам бандаро.
2. Л-фиканд.
3. Л-б. 1135, 1136 нест.
4. ИЛ-б. 1138 нест.
5. Л-Яке пурҳунар.
6. Л-пас аз б. 1139 ин б. омада:
   В-агарна ба чеҳр аз касе кам наям,
   Сазои ғаму ранҷу мотам наям.
7. И-доду тоҷи.
8. Л-пас аз б. 1141 ин б. омада:
   Нишастам ба Кобул ба фархунда рӯз,
   Супурд маро кишвари Нимрӯз.

www.sattor.com

Ки вайрон кунӣ кохи ободи ман,
Чунин дод хоҳӣ ҳаме доди ман?

Ман инак ба пеши*[1] ту истодаам,
Тани зинда хашми туро додаам.

Ба арра миёнам ба ду нима кун,
Зи Кобул мапаймой бо ман сухун.[2]

Бикун ҳарчӣ хоҳӣ, ки фармон турост,
Ба Кобул газанде бувад, он марост».[3]

Сипаҳбад чу бишнид гуфтори Зол,
Бирафрохт гӯшу фурӯ бурд ёл.

Бад-ӯ гуфт: «Оре ҳамин аст рост,
Забонат бар ин ростӣ - бар гувост.

Ҳама кори ман бар ту бедод буд,
Дили душманон бар ту-бар шод буд.

Зи ман орзу худ ҳаме хостӣ,
Ба дилтангӣ[4] аз ҷой бархостӣ.[5]

Машав тунд,[6] то чораи кори ту
Бисозам, кунам тез бозори ту.

Яке нома фармоям акнун ба шоҳ,
Фиристам ба дасти ту, эй некхоҳ![7]

---

1. М-назди.
2. ТПЗИ- Ки Меҳробу Кобул ба фармони туст,
Ба паймони ту несташ рои суст.
Чӣ кард ӯ гуноҳу чӣ дидӣ аз ӯй.
Ки наздаш ба кина ниҳодӣ ту рӯй?
Дигар он ки гуфтӣ, ки бар коми ту,
Кунам шӯҳра андар ҷаҳон номи ту.
3. Л-б. 1147 нест.
4. ИЛ-дил некӣ.
5. ТП - Ба нармӣ чунин гуфт Соми далер,
Ки «Ором гир, эй яли наррашер».
6. ИЛ-тез
7. ТПЗ- Магар шаҳрёр андар ин достон
Ба роҳ ояд аз кинаи бостон.

www.sattor.com

Чу бинад ҳунарҳову дидори ту,
Начӯяд ҷаҳондор озори ту.[1]

Сухан ҳар чӣ бояд, ба ёд оварем,
Равону дилаш сӯи дод оварем.

Агар ёр бошад ҷаҳондори мо,
Ба коми ту гардад ҳама кори мо.[2]

Ба бозу кунад шер ҳамвора кор,
Ҳар он ҷо, ки бошад, биёбад шикор.»

Бибӯсид рӯи замин Золи Зар,
Басе офарин хонд бар боб-бар.

РАФТАНИ ЗОЛ БА РАСУЛӢ НАЗДИ МАНУЧЕҲР

Нависандаро пеш биншонданд,
Зи ҳар дар фаровон сухан ронданд.

Сари нома кард офарини Худой,
Куҷо буду[3] бошад ҳамеша ба ҷой.

Аз ӯяст неку баду ҳасту нест,
Ҳама бандагонем, Эзад якест.

Ҳар он чиз, к-ӯ хост[4] андар бавиш,
Бар он аст чархи равонро равиш.

Худованди кайвону хуршеду моҳ,
Аз ӯ офарин бар Манучеҳршоҳ.

Ба разм - андарун заҳри тарёксӯз,
Ба базм - андарун моҳи[5] гетифурӯз.

Гироянддагурзу кушояндашаҳр,
Зи шодӣ ба ҳар кас расонандабаҳр.

1. Л-б. 1154 нест.
2. И-б. 1155, 1156 нест.
3. ИЛ-ҳасту.
4. ИЛ-сохт.
5. Л-хури.

www.sattor.com

Кашанда дурафши Фаридун ба ҷанг,
Кушанда сарафроз ҷангипаланг.

Зи захми дабуси[1] ту кӯҳи баланд
Шавад хоки наъли сарафшон саманд.

Ҳамон аз дили поку покизакеш,
Ба обишхур орӣ ҳаме гургу меш.

Яке бандаам ман, расида ба ҷой,
Ба дубора шаст[2] андароварда пой.

Ҳаме гарди кофур гирад сарам,
Чунин дод[3] хуршеду моҳ афсарам.

Бибастам миёни ялӣ[4] бандавор,
Або ҷодувон сохтам корзор.

Инонпечу гурдафкану гурздор[5]
Чу ман кас набинад[6] ба гетӣ савор.

Бишуд об гурдони Мозандарон,
Чу ман даст бурдам ба гурзи гарон.

Зи ман гар набудӣ ба гетӣ нишон,
Бароварда гардан зи гарданкашон,[7]

Чунон аждаҳо, к-ӯ зи рӯди Кашаф
Бурун омаду кард гетӣ чу каф,

Замин шаҳр то шаҳр болои ӯ,
Ҳамон кӯҳ то кӯҳ паҳнои ӯ.

Ҷаҳонро аз ӯ буд дил пурҳарос,
Ҳаме доштандӣ шабу рӯз пос.

1. И-Боди амудӣ.
2. И-Ба мардӣ ба лаб; Л-Ба мардӣ нишаст.
3. И-кард.
4. И-Бибастам миёнро яке.
5. Л-з-аспафкани найзадор.
6. ИЛ-надидӣ.
7. Л - Басе гоҳ то шуд зи гарданкашон,
Ба гетӣ манам дар замона нишон.

www.sattor.com

Ҳаво пок карда[1] зи паррандагон,
Ҳамон рӯи гетӣ зи даррандагон.[2]

Зи таффаш ҳаме парри каргас бисӯхт,
Замин зери заҳраш ҳаме барфурӯхт.

Наҳанги дижам баркашидӣ зи об,
Ҳамон аз ҳаво тезпаррон[3] уқоб.

Замин гашт бе мардуму чорпой,
Ҷаҳоне мар[4] ӯро супурданд ҷой.

Чу дидам, ки андар ҷаҳон кас набуд,
Ки бо ӯ ҳаме даст ёраст суд,

Ба зӯри ҷаҳондор Яздони пок
Бияфкандам[5] аз дил ҳама тарсу бок.

Миёнро бубастам ба номи баланд,
Нишастам бар он пилпайкар саманд.

Ба зин - андарун гурзаи говсар,
Ба бозу камону ба гардан сипар.

Бирафтам ба сони наҳанги дижам,
Маро тез чангу варо тез дам.

Маро кард падруд ҳар кас, ки дид,[6]
Ки бар аждаҳо гурз хоҳам кашид.

Расидам-ш, дидам чу кӯҳи баланд,
Кашон мӯи сар бар замин чун каманд.

Забонаш ба сони дарахте сиёҳ,
Зафар боз карда, фиканда ба роҳ.

1. ИЛ-дидам.
2. Л-пӯяндагон.
3. Л-Ба дам даркашидӣ зи гардун.
4. И-ҷумла.
5. Л-Бурун кардам.
6. И-к-ӯ шунид; Л-хар к-ин шунид.

www.sattor.com

Чу ду обгираш пур аз хун ду чашм,
Маро дид, ғурриду омад ба хашм.

Гумоне чунон бурдам, эй шаҳрёр,
Ки дорам[1] магар оташ андар канор.

Ҷаҳон пеши чашмам чу дарё намуд,
Ба абри сияҳ бар шуда тира дуд.

Зи бонгаш биларзид рӯи замин,
Зи заҳраш замин шуд чу дарёи Чин.

Бар ӯ барзадам бонг монанди шер,
Чунон чун бувад кори марди далер.

Яке тира алмоспайкон ҳаданг
Ба чарх - андарун рондам бедиранг.

Ба сӯи зафар кардам он тир ром,
Бад-он то бидӯзам забонаш ба ком.

Чу шуд дӯхта як карон аз даҳон-ш,
Бимонд аз шигифтӣ ба берун забон-ш,

Ҳам андар замон дигаре ҳамчунон,
Задам бар даҳонаш[2], бипечид аз он.

Се дигар задам бар миёни зафар-ш,
Баромад ҳаме ҷӯши хун аз ҷигар-ш

Чу танг андаровард бо ман замин,
Бароҳехтам говсар гурзи кин.

Ба нерӯи Яздони кайҳонхудой
Барангехтам пилтанро зи ҷой.

Задам бар сараш гурзаи говчеҳр,
Бар ӯ кӯҳ борид, гуфтӣ,[3] сипеҳр.

1. И-дорад.
2. Л-дигар сӯ.
3. Л-гӯӣ.

www.sattor.com

Шикастам сараш чун сари жандапил,
Фурӯ рехт з-ӯ заҳр чун рӯди[1] Нил.

Ба захме чунон шуд, ки дигар нахост,
Зи мағзаш замин гашт бо кӯҳ рост.

1205 Кашафрӯд чун рӯди зардоб шуд,[2]
Замин ҷои оромишу хоб шуд.[3]

Ҳама кӯҳсорон пур аз марду зан
Ҳаме офарин хонданди ба ман.

Ҷаҳоне бар он ҷанг наззора буд,
Ки он аждаҳо сахт патёра буд.

Маро Соми Якзахм аз он хонданд,
Ҷаҳоне ба ман гавҳар афшонданд.

Чу з-ӯ бозгаштам, тани равшанам
Бараҳна шуд аз номвар ҷавшанам.

1210 Фурӯ рехт аз бора баргустувон,
В-аз он заҳр буд чанд гоҳам зиён.[4]

Бар он бум то солиён бар набуд,
Ҷуз аз сӯхта хору ховар набуд.

Гар аз ҷанги девон бигӯям-т боз,
Зи гуфтори он нома гардад дароз.[5]

Чунону ҷуз он ҳарҷӣ будим рой,
Саронро сар овардаме зери пой.

Куҷо ман ҷамонидаме бодпой,[6]
Бипардохтӣ шери дарранда ҷой.

---

1. И-аз ӯ заҳр бар сони.
2. ИЛ-пурхуну заҳроб гашт.
3. ИЛ-гашт
4. Шуд аз дуди заҳраш танам нотавон.
5. Л-б. 1212 нест.
   И- Аз он ҷанги девон нагӯям-т боз,
   Зи пайкор он нома гардад дароз.
6. И-Куҷо ман ҷаҳонидаме чорпой.

www.sattor.com

Кунун чанд сол аст, то пушти зин
Маро тахтгоҳ асту аспам замин.[1]

Ҳама Гургсорону Мозандарон
Ба ту рост кардам ба гурзи гарон.

Накардам замоне бару бум ёд,
Туро хостам низ пирӯзу шод.[2]

Кунун ин барафрохта ёли ман,
Ҳамон захмкӯбанда кӯполи ман.

Бад-он сон, ки буда, намонад ҳаме,
Бару гирдгоҳам хамонад ҳаме.

Камандам бияндохт аз даст шаст,
Замона маро божгуна бибаст.

Супурдем навбат кунун[3] Золро,
Ки шояд камарбанду кӯполро.

Чу ман кардам, ӯ душманон кам кунад,
Ҳунарҳои ӯ дил-т хуррам кунад.

Яке орзу дорад андар ниҳон,
Биёяд, бихоҳад зи шоҳи ҷаҳон.

Яке орзу, к-он ба Яздон накӯст,
Куҷо некуӣ зери паймони[4] ӯст.

Накардем бе рои шоҳи бузург,
Ки банда набояд, ки бошад сутург,

Ҳамоно, ки бо Зол паймони ман
Шунидаст шоҳи ҷаҳонбони ман,[5]

---

1. Л-пас аз б. 1215 ин б. омада:
   Дар обод вайрон намондаст ҷой,
   Ки онро на ман бозгардам ба пой.
2. И-б. 1216 нест.
3. Л-кунун ҷои худ.
4. ИЛ-фармони.
5. Л-пас аз б. 1226 ин б. омада:
   Ки ҳар орзу, к-он гави сарафроз
   Кунад, ман надорам аз ӯ даст боз,

www.sattor.com

Ки бо ӯ бикардам миёни гурӯҳ,
Чу боз оваридам зи Албурзкӯҳ,

Ки аз рои ӯ сар напечам ба ҳеч,
Бад-ин орзу кард зӣ ман басеч.

Ба пеши ман омад пур аз хуну хок,
Ҳаме омадаш з-устухон[1] чок-чок.[2]

Маро гуфт бар дори Омул кунӣ,
Сазотар, ки оҳанги Кобул кунӣ.

Чу парвардаи мурғ бошад ба кӯҳ,
Фиканда ба дур аз миёни гурӯҳ.

Чунон моҳ бинад ба Кобулситон,
Чу сарви саҳӣ бар сараш гулситон.

Чу девона бошад,[3] набошад шигифт,
Аз ӯ шоҳро кин набояд гирифт.

Кунун ранҷу меҳраш ба ҷое расид,
Ки бахшоиш орад, ҳар он к-аш бидид.

Зи бас дард к-ӯ хурд бар бегуноҳ,
Чунон рафт паймон, ки бишнид шоҳ.[4]

Гусӣ кардамаш[5] бо дили мустаманд,
Чу ояд ба наздики тахти[6] баланд,

Ҳамон кун, ки бо меҳтарӣ дархурад,
Туро худ наёмӯхт бояд хирад.

Бари ман сӯи Гургсорон паём
Фиристод аз баҳри ин зерком.
Зи Мозандарон ман бад-ин кор боз
Кашидам бари шоҳи гарданфароз.

1. Л-рухон.
2. Л-б. 1228, 1229 нест
3. ИЛ-гардад.
4. Л-Маро рӯз аз андӯҳи ӯ шуд сиёҳ.
5. Л-Фиристодамаш.
6. Л-бад-он боргоҳи.

www.sattor.com

Ба гетӣ маро худ ҳамин асту бас,
Чи андӯҳгусору чӣ фарёдрас.[1]

Зи Соми Наримон ба шоҳи ҷаҳон
Ҳазор офарин боду ҳам бар меҳон!

Чу нома набиштанду шуд рой рост,
Ситад зуд Дастону[2] бар пой хост.[3]

Биёмад, ба зин андаровард пой,
Баромад хурӯшидани каррной.

Бирафтанд гурдон або ӯ ба роҳ
Дамону данон рух сӯи тахтгоҳ.[4]

Чу шуд Золи фаррух зи Кобулситон,
Бибуд Соми Якзахм дар гулситон.[5]

ҲАШМ ГИРИФТАНИ МЕҲРОБ БАР СИНДУХТ

Ба Кобул[6] чу ин достон фош гашт,
Сари марзбон пур зи пархош гашт.

Барошуфту Синдухтро пеш хонд,
Ҳама хашми Рӯдоба бар вай биронд.

Бад-ӯ гуфт, к-«Акнун ҷуз ин рой нест,
Ки бо шоҳи гетӣ маро пой нест,

---

1. ТПЗ - Сазад, гар шаҳаншоҳи бофарру дод
Яке кори ин чокар орад ба ёд.
2. Л-Ситонандаи нома.
3. ТПЗ- Чу хуршед сар сӯи Ховар ниҳод,
Шаб аз тирагӣ тоҷ бар сар ниҳод.
Нахуфту наёсуд то бомдод,
Ба андеша бар дил наёмад-ш ёд.
Чу он ҷомаи шаър бифканд шаб,
Сапеда бихандиду бикшод лаб;
ТПЗ- Шабу рӯз не хӯрд буду на хоб,
Ҳаме ронд з-андӯҳи дил пуршитоб.
4. Л-б. 1242 нест.
5. Л - Зи Зобулситон рух ба Эрон ниҳод,
Диле пур зи андуҳ, саре пур зи бод;
И-б. 1242, 1343 нест.
6. Л-Яко-як.

www.sattor.com

Ки орам-т бо духти нопоктан,
Кушам зоратон бар сари анҷуман.

Магар шоҳи Эрон аз он хашму кин
Биёсояду[1] ром гардад замин.

Зи Кобул кӣ бо Сом ёрад ҷаҳид,
Кӣ хоҳад ҳаме захми гурзаш чашид?».[2]

Чу Синдухт бишнид, пешаш нишаст,
Дили чораҷӯй андар андеша баст.[3]

Яке чора овард аз дил ба ҷой,
Ки буд жарфбин ӯ ба тадбиру рой.

В-аз он пас давон даст карда ба каш,
Биёмад бари шоҳи хуршедфаш.[4]

Бад-ӯ гуфт: «Бишнав зи ман як сухун,
Чу дигар яке комат ояд, бикун.[5]

Туро хоста гар зи баҳри тан аст,
Бибахшу бидон, к-ин шаб обистан аст.

Агарчанд бошад шаби дерёз,
Бад-ӯ тирагӣ ҳам намонад дароз.

Шавад рӯз, чун чашма рахшон шавад,
Ҷаҳон чун нигини Бадахшон шавад.»

Бад-ӯ гуфт Меҳроб к-«Аз бостон
Мазан дар миёни ялон достон.

---

1. ИЛ-Баросояду.
2. Л-б. 1249 нест.
3. Дигар рӯз чун хур баромад баланд,
Ҷаҳон сар ба сар гашт аз ӯ арҷманд.
Бари гурд Меҳроб шуд ҷораҷӯй,
Пур аз чора дил, лаб пур аз гуфтугӯй.
4. Л - Чунин гуфт, к-эй шоҳи хуршедфаш,
Ҳама шарбати бемуродӣ мачаш.
5. Л- Зи ман бишнав аз ибтидо як сухун,
В-аз он пас, ҳар онч-ат бибояд, бикун.

www.sattor.com

Бигӯй он чӣ донию ҷонро бикӯш,
Ва ё ҷомаи[1] хун[2] ба тан-бар бипӯш».

Бад-ӯ гуфт Синдухт, к-«Эй сарфароз,
Бувад, к-ат наёяд ба хунам ниёз.

Маро рафт бояд ҳаме пеши Сом,
Кашидан мар ин теғро аз ниём.

Бигӯям бад-ӯ, он чӣ гуфтан сазад,
Хирад хомгуфторҳоро пазад.[3]

Зи ман ранҷи ҷону зи ту хоста,
Супурдан ба ман ганҷи ороста».

Бад-ӯ гуфт Меҳроб, к-«Инак калид,
Ғами ганҷ ҳаргиз набояд кашид.

Парастандаву аспу тахту кулоҳ,
Биёрою бо хештан бар ба роҳ.

Магар шаҳри Кобул насӯзад ба мо,
Чӣ пажмурда шуд, барфурӯзад ба мо.»

Чунин гуфт Синдухт бо номдор,
«Бихоҳӣ равон,[4] хоста хор дор.

Набояд, ки чун ман бувам ораҷӯй,
Ту Рӯдобаро сахтӣ орӣ ба рӯй.

Маро дар ҷаҳон андуҳи ҷони ӯст,
Кунун бо туам рӯзи[5] паймони ӯст.

Надорам ҳаме андуҳи хештан,
Аз ӯяст ин дарду андӯҳи ман.»[6]

---

1. И-Дигар чодари.
2. Л-дигар хоку хунро.
3. Л-б. 1261 нест
4. Л-Ба ҷону раво.
5. ИЛ-Кунун бо ту имрӯз.
6. Л-б. 1269 нест

www.sattor.com

Яке сахт паймон ситад з-ӯ нахуст,
Пас он гаҳ ба мардӣ раҳи чора ҷуст.

Биёрост танро ба дебову зар,
Ба дурру ба ёқути пурмоя сар.

Пас аз ганҷ Меҳроб баҳри нисор
Бурун кард динор сесад ҳазор.[1]

Ба симин ситом овариданд сӣ
Аз аспони тозиву аз порсӣ.[2]

Або тавқи заррин парастанда шаст,
Яке ҷоми зар ҳар якеро ба даст.

Пур аз мушку кофуру ёқуту зар,
Зи пирӯзаву чанд гуна[3] гуҳар.

Сад уштур, ҳама модаи сурхмӯй,
Сад астар, ҳама боркаш, роҳҷӯй.[4]

Яке тоҷи пургавҳари шоҳвор
Або ёраву тавқу бо гӯшвор.

Ба сони сипеҳре яке тахти зар,
Нишонда дар ӯ чанд гуна[5] гуҳар,

Раши хусравӣ бист паҳнои ӯ,
Савори сарафроз болои ӯ.[6]

В-аз он жандапилони ҳиндӣ чаҳор,
Ҳама ҷомаву фарш карданд бор.

---

1. ТПЗИЛ- Ду аспи гаронмоя бо сози зар,
Парастанда панҷаҳ ба заррин камар.*
* Л – Ба зарринлаҷому ба зарринсипар.
2. Л-б. 1273 нест.
3. Л-Тарозаш зи ҳар гуна-гуна.
4. ТПЗИЛ- Чиҳил тахти дебой пайкар ба зар,
Тарозаш ҳама гуна-гуна гуҳар.
Ба заррину симин дусад теғи Ҳинд.
Ҳама теғи захробдода, паринд.
5. Л-Дар ӯ карда тартиб бе мар.
6. ИЛ - Ки сад газ фузун буд болои ӯй,
Магар шаст газ буд паҳнои ӯй.

www.sattor.com

ДИЛХУШӢ ДОДАНИ СОМ СИНДУХТРО

Чу пардохт ганҷ, андаромад ба асп
Чу гурде[1] ба кирдори Озаргушасп,

Яке тарги румӣ ба сар барниҳод,
Яке бора зер - андараш ҳамчу бод,[2]

Биёмад гурозон ба даргоҳи Сом,
На овоз доду на баргуфт ном.

Ба корогаҳон гуфт, к-«Аз[3] ногаҳон
Бигӯед бо паҳлавони[4] ҷаҳон,

Ки омад фиристодаи кобулӣ
Ба назди сипаҳбад, яли[5] зобулӣ.

Зи Меҳроби гурд оварида паём,
Ба назди сипаҳбад, ҷаҳонгир[6] Сом».

Биёмад бари Соми ял пардадор,
Бигуфту бифармуд, то дод бор.

Фуруд омад аз асп Синдухту рафт,
Ба пеши сипаҳбад хиромид тафт.

Заминро бибӯсиду кард офарин
Абар шоҳу бар паҳлавони замин.

Нисору парастандаву аспу пил,
Рада баркашида зи дар то ду мил.

Якояк ҳама пеши Сом оварид,
Сари паҳлавон хира шуд, к-он бидид.

Пурандеша биншаст бар сони маст,
Ба каш карда дасту сар афканда паст.

1. Л-гурдон.
2. Л – б. 1282 нест; Л – Дар зераш - андар ниҳод.
3. ИЛ – то.
4. И-сарафрози
5. Л-Чаман чармаи зери ӯ.
6. Л – фархунда.

www.sattor.com

Зи ҷое куҷо моя чандин бувад,
Фиристодани зан чӣ оин бувад?[1]

Гар ин хоста з-ӯ пазирам ҳама,
Зи ман гардад озурда шоҳи рама.

В-агар боз гардонам аз пеш, Зол
Барорад ба кирдори Симурғ бол.

Шавад ранҷа, озурда гардад зи ман,
Чӣ посух бигӯям-ш дар анҷуман?[2]

Баровард сар, гуфт, к-«Ин хоста,
Ғуломону пилони ороста,

Шаведу[3] ба ганҷури Дастон диҳед,
Ба номи маҳи[4] Кобулистон ниҳед».

Паричеҳра Синдухт дар пеши Сом
Забон кард гӯёву дил шодком.

Чу он ҳадяро ӯ пазируфта дид,
Расида беҳию бадӣ рафта дид.[5]

Се бутрӯй бо ӯ ба як ҷо буданд,
Суманпайкару сарвболо буданд.

Гирифта яке ҷом ҳар як ба каф,[6]
Пур аз сурх ёқуту дурру садаф.[7]

---

1. ИЛ – б. 1296 нест.
   ТПЗ- Фурӯ бурд сар як даму дам назад,
   Ҳаме рой бар бешу бар кам назад.
2. ТПЗ - Чу андеша бисёр кард андар он,
   Саранҷоми андеша он паҳлавон.
3. И-Бареду.
4. Л-Паёми бути.
5. Л-б. 1300 нест.
6. Л-зи зар.
7. Л-Пур аз лаълу ёқуту дурру гуҳар.

www.sattor.com

Ба назди[1] сипаҳбад фурӯ рехтанд,
Ҳама як ба дигар баромехтанд.[2]

Чу бо паҳлавон кор барсохтанд,
Зи бегона хона бипардохтанд.

Чунин гуфт Синдухт бо паҳлавон,
Ки «Бо рои ту[3] пир гардад ҷавон.[4]

Бузургон зи ту дониш омӯхтанд,
Ба ту тирагетӣ барафрӯхтанд.

Ба мӯҳри ту шуд баста дасти бадӣ,
Ба гурзат кушода раҳи эзадӣ.

Гунаҳгор агар буд,[5] Меҳроб буд,
Зи хуни дилаш мижжа пуроб[6] буд.

Сари бегуноҳони Кобул чӣ кард,
Куҷо андаровард бояд ба гард?!

Ҳама шаҳр зинда барои туанд,
Парастандаву хоки пои туанд.

Аз он тарс, к-ӯ ҳушу зӯр офарид,
Дурахшанда Ноҳиду Ҳур офарид.

Наёяд чунин кораш аз ту писанд,
Миёнро ба хун рехтан - бар мабанд.[7]»

---

1. ИЛ-пеши.
2. ТПЗ- Чу дид он чунон паҳлавон пурхирад,
Ситоид ӯро, чунон чун сазад.
3. Л – фарри ту.
4. И – Сари паҳлавонону пушти гавон.
5. Л – боби.
6. Л – сероб.
7. ИЛ-Миёнро ба хуни бараҳман мабанд;
ТПЗ- Худованди мову шумо худ якест,
Ба Яздонамон ҳеч пайкор нест.
Гузашта аз ӯ қиблаи мо бут аст,
Чи дар Чину Кобул, чи дар Ҳинду Баст.
Шуморо хурад оташи пурфурӯғ,
Ту донӣ, к-аз ин дар нагуфтам дурӯғ.

www.sattor.com

Бад-ӯ Соми ял гуфт: Бо ман бигӯй,
Ҳар он ч-ат бипурсам, баҳона маҷӯй.

Ту Меҳробро кеҳтарӣ ё ҳамол,
Ман он духти ӯро куҷо дид Зол?

Ба рӯю ба мӯю ба хӯю хирад,
Ба ман гӯй, то бо кӣ андархурад?

Зи болову дидору фарҳанги ӯй,
Бар он сон, ки дидӣ, якояк бигӯй».

Бад-ӯ гуфт Синдухт, к-«Эй паҳлавон,
Сари паҳлавонону пушти гавон.

Яке сахт паймон-т хоҳам нахуст,
Ки ларзон шавад з-ӯ бару буму руст.

Ки аз ту наёяд ба ҷонам газанд,
На он кас, ки бар ман бувад арҷманд.

Маро коху айвони ободи ҳаст,
Ҳамон ганҷу хешони бо зӯри даст.[1]

Чу эмин шавам, ҳарчӣ гуфтӣ, бигӯй,
Бигӯям, биҷӯям бад-ин обрӯй.

Нуҳуфта ҳама ганҷи Кобулситон,
Бикӯшам, расонам ба Зобулситон»[2]

Гирифт он замон Сом дасташ ба даст,
Ҳамон аҳду савганду паймон бубаст.

Чу бишнид Синдухт савганди ӯ,
Ҳамон рост гуфтору пайванди ӯ,

Парастидани ҳарду роҳи бад аст,
Чу моро ҳама орзу Эзад аст.
Ту донӣ, на некӯст хун рехтан,
Або бегуноҳон баровехтан

1. ИЛ-хешон, бунёд ҳаст.
2. ТПЗИ- Бар ин низ ҳар чиз, к-андар хурад,
Биёбад зи ман меҳтари пурхирад.

www.sattor.com

Заминро бибӯсиду бар пой хост,
Бигуфт, он чи андар ниҳон буд рост.[1]

Ки «Ман хеши Заҳҳокам, эй паҳлавон,
Зани гурд Меҳроби равшанравон.

Ҳамон[2] моми Рӯдобаи моҳрӯй,
Ки Дастон ҳаме ҷон фишонад бар ӯй.

Ҳама дудмон назди Яздони пок
Шаби тира то баркашад рӯз чок,

Ҳама[3] бар ту ханему Зол[4] офарин,
Ҳамон бар ҷаҳондор шоҳи замин.[5]

Кунун омадам, то ҳавои ту чист,
Ба[6] Кобул туро душману дӯст кист?

Агар мо гунаҳкору бадгавҳарем,
Бад-ин подшоҳӣ на андарх(в)арем.

Ман инак ба пеши туам мустаманд,
Бикуш куштанӣ, бастаниро бубанд.

Дили бегуноҳони Кобул масӯз,
К-аз ин тирагӣ[7] андарояд ба рӯз.»

Суханҳо чу бишнид аз ӯ паҳлавон,
Зане дид борою равшанравон.

Ба рух чун баҳору ба боло чу сарв,
Миёнаш чу ғарву ба рафтан тазарв.

Чунин дод посух, ки «Паймони ман
Дуруст аст, агар бугсилад ҷони ман.

1. Л-б. 1324, 1325 нест.
2. Манам
3. И-Ҳаме.
4. И-мо.
5. Л-б. 1328, 1329 нест
6. ИЛ-Зи.
7. Л-Ки бас зуд рӯз.

www.sattor.com

Ту бо Кобулу ҳар кӣ пайванди туст,
Бимонед шодондилу тандуруст.

Бад-ин низ ҳамдостонам, ки Зол
Зи гетӣ чу Рӯдоба ҷӯяд ҳамол.

Шумо гарчи аз гавҳари дигаред,
Ҳамон тоҷу аврангро дарх(в)аред.

1340 Чунин аст гетиву з-он нанг нест,
Або кирдгори ҷаҳон ҷанг нест.

Чунон офаринад, ки ояд-ш рой,
Ки мондему монем бо ҳой-ҳой.[1]

Яке бар фарозу яке дар нишеб,
Яке бо фузунӣ, яке бо ниҳеб.

Яке аз фузунӣ дилороста,
Зи каммӣ дили дигаре коста[2]

Саранҷом ҳар ду ба хок - андар аст,
Ки ҳар гавҳаре кушта з-ин гавҳар аст.[3]

1345 Бикӯшам кунун аз паи кори ту,
Аз ин лобаву нолаи зори ту.[4]

Яке нома бо лобаи[5] дардманд
Набиштам ба наздики[6] шоҳи баланд.

Ба назди[7] Манучеҳр шуд Золи Зар,
Чунон шуд, ки гӯӣ[8] баровард пар.

---

1. ИЛ-б. 1341 нест.
2. Л - Яке аз физоиш шуд ороста,
Зи тангӣ дили дигаре коста.
3. ТПЗ - Кунун бишнав, эй бонуи некрой.
Маяндешу андӯҳ маёвар ба ҷой.
4. Л-б. 1344, 1345 нест.
5. Л- номае кардаам.
6. Л-Ба назди Манучеҳр.
7. Л-Ба пеши.
8. ИЛ-гуфтӣ.

www.sattor.com

Ба зин андаромад, чу боде дамид.[1]
Ҳамон наъли аспаш замин бардарид.[2]

Бар ин Золро шоҳ посух диҳад,
Чу хандон шавад, рои фаррух ниҳад,

Ки парвардаи мурғ бедил шудаст,
Зи оби мижа пой дар гил шудаст.

Арӯс ар ба меҳр - андарун ҳамчу ӯст,
Сазад, гар бароянд[3] ҳарду зи пӯст.

Яке рӯи он баччаи аждаҳо
Маро низ бинмову бистон баҳо.[4]

Магар дидани ӯ писанд оядам,
Ва гуфтори ӯ судманд оядам.»

Бад-ӯ гуфт Синдухт: «Агар паҳлавон
Кунад бандаро шоду равшанравон,

Чамонад[5] ба кохи ман - андар[6] саманд,
Сарам бар шавад б-осмони[7] баланд.

Ба Кобул чу ту шаҳрёр оварем,
Ҳама пеши ту ҷон нисор оварем.»

Лаби Сом Синдухт пурханда дид,
Ҳама бехи кин аз дилаш канда дид.

Ба ханда бад-ӯ гуфт Соми далер,
К-«Аз андеша дилро макун ҳеч сер.

1. ИЛ-ки-зинро надид.
2. ИЛ-заминро надид.
3. Л-бароем.
4. Л-пас аз б. 1352 ин б. омада:
   Ки боло чунин бошаду рӯю мӯй,
   Ҳамон ҳам бар овардаӣ ту накӯй.
5. И-Ҷаҳонад.
6. Л-эдар.
7. Л-Сарам барфарозад ба чархи.

www.sattor.com

Барояд ба коми ту ин кор зуд»,-
Чу бишнид Синдухт, пӯзиш намуд.

Биёмад аз он ҷойгаҳ шодком,
Рух аз хуррамӣ гашта ёқутфом.

Наванди диловар ба кирдори бод
Барафканду Меҳробро мужда дод.[1]

К-аз андешаи бад макун ёд ҳеч
Дилат шод кун, кори меҳмон басеч!

Ман инак паси нома - андар дамон
Биёям ба раҳ, барнаҷӯям замон.

Дувум рӯз чун чашмаи офтоб
Биҷунбиду бедор шуд сар зи хоб,

Гаронмоя Синдухт бинҳод рӯй
Ба наздики солори дайҳимҷӯй.

Раворав даромад ба[2] даргоҳи Сом,
Маҳи бонувон хондандаш ба ном.

Биёмад бари Сому бурдаш намоз,
Сухан гуфт бо ӯ замоне дароз.

Ба дастурии бозгаштан зи ҷой,
Шудан шодмон пеши кобулхудой.

Дигар сохтан кори меҳмони нав,
Бибурдан[3] ба Меҳроб[4] паймони нав.

Варо Сому ял гуфт: «Баргарду рав,
Бигӯ, он чи дидӣ, ба Меҳроби гав.

Сазовори ӯ хилъат оростанд,
Зи ганҷ ончи пурмоятар, хостанд.

1. ИЛ-б. 1358-1361 нест
2. ИЛ-баромад зи.
3. И-намудан.
4. Л-намудан ба домод.

www.sattor.com

Ҳам аз бахри Меҳробу Синдухт боз,
Ҳам аз баҳри Рӯдобаи меҳрсоз.[1]

Ба Кобул дигар, Сомро ҳар чӣ буд
Зи коху зи боғу зи кишту дуруд.

Дигар чорпоёни дӯшиданӣ,
Зи густарданиву зи пӯшиданӣ

1375 Ба Синдухт бахшиду дасташ ба даст
Гирифту яке низ паймон бубаст.[2]

Ба Кобул бибошу ба шодӣ бимон,
Аз ин пас матарс аз бади бадгумон.

Шукуфта шуд он рӯи пажмурдамоҳ,
Ба некахтарӣ баргирифтанд роҳ.

ОМАДАНИ ЗОЛ БО НОМАИ СОМ БА НАЗДИ МАНУЧЕҲР

Кунун гӯш кун рафтану кори Зол,
Ки шуд зӣ Манучеҳри фархундафол.[3]

Чу[4] огоҳӣ омад сӯи шаҳрёр,
Ки омад зи раҳ Золи Соми савор,

1380 Пазира шудандаш ҳама саркашон,
Ки буданд дар подшоҳӣ нишон.

Чу омад ба наздикии боргоҳ,
Сабук назди шоҳаш кушоданд роҳ.

---

1. Л-б. 1372 нест.
2. ТПЗИ - Пазируфт мар духти ӯро ба Зол*
Ки Рӯдоба бо Зол бошад ҳамол.**
Сарафроз гурдею марде дувист,
Бад-ӯ доду гуфташ, ки акнун маист.
*ӯ Золро. **Бад-ин дар фиканданд кӯполро.
3. ИЛ-б. 1378 нест.
4. ИЛ-Пас.

www.sattor.com

Чу наздики тахт андаромад, замин
Бибӯсиду бар шоҳ кард офарин.

Замоне ҳаме дошт бар хок рӯй,
Бад-ӯ дод дил шоҳи озармҷӯй.[1]

Бифармуд, то рӯяш аз хоки хушк
Сутурданду бар вай бибурданд мушк.

Биёмад бари тахти шоҳ арҷманд,
Бипурсид аз ӯ шаҳрёри баланд.

Ки «Чун будӣ, эй паҳлавонзода мард,
Бад-ин роҳи душвори бободу гард?»

«Ба фарри ту,[2]-гуфто, ҳама беҳтарист,
Або ту ҳама ранҷ ромишгарист».[3]

Аз ӯ бистад он номаи паҳлавон,
Бихандиду шуд шоду равшанравон.

Чу бархонд, посух чунин дод боз,
Ки «Ранҷам[4] фузудӣ ба дил-бар дароз.

Валекин бад-ин номаи дилпазир,[5]
Ки бинвишт бо дарди дил Соми пир,[6]

Агарчи дилам гашт аз ин бас дижам,
Бар онам,[7] наандешам аз бешу кам.

Барорам, бисозам ҳама коми ту,
Ки ин аст фарҷому анҷоми ту.

---

1. Л - Чу з-он сон ҳаме буд афтода дер,
   Дилаш аз ниёиш ҳаме гашт сер.
2. И-Фурӯ рафту.
3. Л-б. 1387 нест
4. Л-ранҷе.
5. Л-паҳлавон.
6. Л-дард, равшан равон; И-б. 1690 нест.
7. Л-Зи баҳраш.

www.sattor.com

Ту якчанд мебош наздам ба пой,
Ки то ман ба корат занам нек рой.»

Бибурданд холигарон хони зар,
Шаҳаншоҳ биншаст бо Золи Зар.

Бифармуд, то номдорон ҳама
Нишастанд бар хони шоҳи рама.

Чу аз хони хусрав бипардохтанд,
Ба тахти дигар ҷой месохтанд.

Чу май хӯрда шуд, номвар пури Сом
Нишаст аз бари аспи[1] зарринситом.

Бирафту бипаймуд болои шаб,
Пурандеша дил, пур зи гуфтор лаб.

Биёмад ба шабгир баста камар
Ба пеши Манучеҳри бо зебу фар.[2]

Бар ӯ офарин кард шоҳи ҷаҳон,
Чу баргашт,[3] бистудаш андар ниҳон.

Бифармуд, то мӯбадону радон,
Ситорашиносону ҳам бихрадон

Кунанд анҷуман пеши тахти баланд,
Зи кори сипеҳрӣ пижӯҳиш кунанд.

Бирафтанду бурданд ранҷе дароз,
Ки то бо ситора чӣ ёбанд роз.

Се рӯз андар он корашон шуд диранг,
Бирафтанд бо зиҷи ҳиндӣ ба чанг.

Забон баркушоданд бар[4] шаҳрёр,
Ки «Кардем бо чархи гардон шумор,

1. ИЛ-Бибурданд болои.
2. ИЛ-Манучеҳри пирӯзгар.
3. Л-баргуфт.
4. Л-чаҳорум, бирафтанд зӣ.

www.sattor.com

Чунин омад аз рои[1] ахтар падид,
Ки ин оби равшан бихоҳад давид.

Аз ин духти Меҳробу аз пури Сом
Гави пурманиш зояду[2] некном.[3]

Бувад зиндагониш бисёрмар,
Ҳамаш зӯр бошад, ҳамаш ному фар.

Ҳамаш заҳра[4] бошад, ҳамаш[5] мағзу ёл,
Ба разму ба базмаш набошад ҳамол.[6]

Куҷо бораи ӯ кунад мӯй тар,
Шавад хушк ҳамразми ӯро ҷигар.[7]

Уқоб аз бари тарги ӯ нагзарад,
Сарону меҳонро[8] ба кас нашмарад.

Яке бурзболо бувад, зӯрманд,
Ҳама шер гирад ба хамми каманд.

Бар оташ яке гӯр бирён кунад,
Ҳаворо ба шамшер гирён кунад.

Камарбастаи шаҳрёрон бувад,
Ба Эрон паноҳи саворон бувад».[9]

---

1. Л-чарху.
2. Л-ояду.
3. ТПЗИ - Падидор гардад гави зӯрманд,
   Ки навбад чун ӯ зери чархи баланд.
4. Л-бурз.
5. Л-теғу.
6. И-б. 1409 нест.
7. И-б. 1410 нест.
8. Ил-ҷаҳонро.
9. И-б. 1413, 1414 нест;
   ТПЗ - Ҳама меҳри ӯ сӯи Эрон бувад,
   Ҳама сол дар ҷанги Турон бувад
   Зи бахри дили шоҳи Эронзамин
   Шабу рӯз н-осояд аз Руму Чин.
   Манучеҳр шуд шодмон з-ин сухан,
   Бипардохт дилро зи ранҷи куҳан.

www.sattor.com

Чунин гуфт пас шоҳи гарданфароз,
Ки «Ин ҳарчӣ гуфтед, доред роз!»

ПИЖӮҲИШ КАРДАНИ МӮБАДОН АЗ ЗОЛ

Бихонд он замон Золро шаҳрёр,
К-аз ӯ хост кардан сухан хостор.

Нишастанд бедордил бихрадон,
Ҳамон Зол бо номвар мӯбадон,

Бад-он то бипурсанд аз ӯ чанд чиз,
Суханҳои бинҳуфта дар парда низ.

Бипурсид аз Золи Зар[1] мӯбаде,
Аз ин тезҳуш роҳбин[2] бихраде,

Ки «Дидам даҳу ду дарахти[3] саҳӣ,
Ки рустаст шодоб бо фарраҳӣ.

Аз он барзада ҳар яке шох сӣ,
Нагардад каму беш дар порсӣ».

Дигар мӯбаде гуфт: «Эй сарфароз,
Ду аспи гаронмояи тезтоз,[4]

Яке з-он ба кирдори дарёи қор,
Яке чун булӯри сапед обдор

Бичунбанду ҳар ду шитобандаанд,
Ҳамон якдигарро наёбандаанд.»[5]

Се дигар чунин гуфт, к-«Он сӣ савор
Куҷо баргузаштанд бар шаҳрёр

1. ИЛ-мар Золро.
2. И-ройзан; Л-номвар.
3. Л-Ки он даҳҳу ду тон сарви.
4. Л-б. 1422 нест
5. Л - Ситоянда ҳарду ба ранҷ андаранд,
Ҳамасола бар зидди якдигаранд.

www.sattor.com

Яке кам шавад рост, чун бингарӣ,
Ҳама сӣ бувад, боз чун бишмарӣ».

Чаҳорум чунин гуфт, к-«Он марғзор,
Ки бинӣ пур аз сабзаву ҷӯйбор,

Яке мард бо тез досе бузург
Сӯи марғзор - андар ояд сутург.

Ҳама тарру хушкаш ба ҳам бидравад,
Агар лоба созӣ, сухан нашнавад.»

Дигар гуфт, к-«Он саркашида ду[1] сарв
Зи дарёи бомавҷ[2] бар сони ғарв,

Яке мурғ дорад бар эшон*[3] куном,
Нишемаш ба шом он бувад, ин ба бом.

Аз ин чун бипаррад, шавад барг хушк,
Бар он барнишинад, диҳад бӯи мушк.[4]

Аз он ду ҳамеша яке обдор,
Яке пажмурида шуда сӯгвор.»

Бипурсид дигар,[5] ки «Бар кӯҳсор
Яке шорсон ёфтам устувор.

Хирадманд*[6] мардум аз он шорсон
Гузида ба ҳомун яке хорсон.

Биноҳо кашиданд сар то ба моҳ,
Парастанда гаштанду ҳам пешгоҳ.[7]

Аз он шорсоншон ба дил нагзарад,
Кас аз ёд кардан сухан нашмарад.

---

1. Чаҳорум ҳамон гуфт, к-он қаҳру.
2. ИЛ-пурмавҷ.
3. М-бар ӯ бар.
4. Л-б. 1431 нест.
5. Л-панҷум.
6. М-хироманда.
7. Л-б. 1435, 1436 нест.

www.sattor.com

Яке бумаҳан хезад аз ногаҳон,
Бару бумашон пок гардад ниҳон.

Бад-он шорсоншон ниёз оварад,
Ҳам андешагони дароз оварад.[1]

1440 Ба парда - дар аст ин суханҳо, биҷӯй,
Ба пеши радон ошкоро бигӯй.

Гар ин розҳо ошкоро кунӣ,
Зи хоки сияҳ мушки соро кунӣ.»

ПОСУХ ДОДАНИ ЗОЛ МӮБАДОНРО

Замоне дар андеша буд Золи Зар,
Баровард ёлу бигустард бар.[2]

В-аз он пас забонро ба посух кушод,
Ҳама пурсиши мӯбадон кард ёд.

«Нахуст аз даҳу ду дарахти баланд,
Ки ҳар як ҳаме шох сӣ баркашанд.

1445 Ба соле даҳу ду бувад моҳи нав,
Чу шоҳи навоин абар гоҳи нав.

Ба сӣ рӯз маҳро сар ояд шумор,
Бар ин сон бувад гардиши рӯзгор.

Кунун он ки гуфтӣ зи кори ду асп,
Фурӯзон ба кирдори Озаргушасп.

Сафеду сиёҳ аст ҳар ду замон,
Паси якдигар тез ҳар ду равон[3]

---

1. Л - Шашум гуфт, «Баргӯй, к-он марғзор
Кадом аст пурбӯю рангу нигор?
Гиёҳо бад-ӯ - андарун тарру хушк
Ки ояд аз он бӯи кофуру мушк
Биёмад яке мард бо дасти тез,
Ту гӯй, ки дорад ба дил - дар ситез.
Замоне наосояду нағнавад.
Ҳама хушку тар он гиё бидравад
2. И-Баровардa болу бигустарда пар.
3. И-давон.

www.sattor.com

Шабу рӯз бошад, ки мебигзарад,
Дами чарх бар мо ҳаме бишмарад.[1]

Наёбанд мар якдигарро ба таг,
Давон ҳамчу нахчир аз пеши саг.

Се дигар, ки гуфтӣ аз он сӣ савор
Куҷо баргузаштанд бар шаҳрёр.

Аз он сӣ саворон яке кам шавад,
Ба гоҳи шумурдан ҳамон сӣ бувад.

Шумори маҳи нав бар ин гуна дон,
Чунин кард фармон Худои ҷаҳон.[2]

Нагуфтӣ сухан ҷуз зи нуқсони моҳ,
Ки як шаб кам ояд ҳаме гоҳ-гоҳ.[3]

Кунун аз ниём он сухан баркашем,
Зи ду сарв, к-он мурғ дорад нишем,

Зи бурҷи бара то тарозу ҷаҳон
Ҳаме тирагӣ дорад андар ниҳон.

Чу ин боз[4] гардад, ба моҳӣ шавад,
Бад-он тирагиву сиёҳӣ шавад.[5]

Ду сарв он ду бозуи чархи баланд,
К-аз ӯем шодон, аз ӯ мустаманд[6]

---

1. ТПЗ - Давон ҳардувон аз паси якдигар,
   Ки то ин биёбад мар онро магар.
2. И-б. 1453 нест.
3. Л-б. 1446, 1454 нест,
   ТПЗ- Бувад ин шумори маҳи тозиён,
   Ки гаҳ-гаҳ бувад з-он саворӣ зиён
   Пас он гоҳ чун бингаридаш, бихост,
   Або кост бошад ҳам он гоҳ рост.
4. И-Пару бол.
5. Л-б. 1457 нест.
6. Л-в-аз ӯем газанд.

www.sattor.com

Бар ӯ мурғи паррон ту[1] хуршед дон,
Ҷаҳонро аз ӯ биму уммед дон.[2]

Дигар шорсон аз бари кӯҳсор
Сарои диранг асту ҷои шумор.

Ҳамон хорсон ин сарои сипанҷ,
Ки ҳам нозу ганҷ асту ҳам дарду ранҷ.

Ҳаме дам задан бар ту - бар бишмарад,
Ҳам ӯ барфизояд, ҳам ӯ бишкарад.

Бароят яке бод бо зилзила,
Зи гетӣ барорад хурӯшу хала.

Ҳама ранҷи мо монда бар хорсон,
Гузар кард бояд сӯи шорсон.

Каси дигар аз ранҷи мо бар х(в)арад,
Намонад бар ӯ низу ҳам бигзарад.[3]

---

1. Л – Ҳамон мурғи парранда.
2. Л-пас аз б. 1459 ин б. омада:
   Дигар он ду аспи сиёҳу сапед,
   К-аз эшон ҷаҳонрост биму умед.
   Шабу рӯз гетист, к-он мебарад,
   Яке андарояд, яке бигзарад.
   Ҳамон сӣ савор аст сирӯза моҳ,
   Ки ноқис шавад з-он яке гоҳ-гоҳ.
   Чу аъдоди даҳраш муназзам шавад,
   На дурӣ физояд, на з-он кам шавад.
   Чу гетӣ бипаймуд гетифурӯз,
   Чу ҳосил шавад сесаду шаст рӯз.
3. Л-пас аз б. 1465 ин б. омада:
   Ҳамон марғзори назеҳ олам аст
   Ки чун боз бинӣ, хушу хуррам аст.
   Гиё хушку тар (ру) гиё гунагун,
   Зи ҳар ҷинсу навъаш зи ҷинсаш фузун.
   Фано чист, он мардуми досдор,
   Ки бошад туро рӯзу шаб посдор
   Ба меҳри касе ҳеч кас нангарад,
   Чу вақт андарояд, ҳама бидравад.
   На рӯбоҳ бирҳад зи дасташ, на шер,
   Чи баддил* ба наздики ӯ, чи далер.

* Гумон меравад, ки-«буздил» бошад.

www.sattor.com

Чунин рафта з-оғоз яксар сухан,
Ҳамин бошаду ин нагардад куҳан.

Агар тӯшамон некномӣ бувад,
Равонмон бад-он сар гиромӣ бувад.

В-агар оз варзему печон шавем,
Падид ояд он гаҳ, ки бечон шавем.

Гар айвони мо сар ба кайвон - бар аст,
Аз он баҳраи мо яке чодар аст.

Чу пӯшанд бар рӯи мо хишту хок,
Ҳама ҷои тарс асту тимору[1] бок.

Биёбону он мард бо тез дос,
Тару хушкро з-ӯ дил андар ҳарос.

Тару хушк як сон ҳаме бидравад,
В-агар лоба созӣ, сухан нашнавад.

Даравгар замон асту мо чун гиё,
Ҳам онаш набера, ҳам онаш ниё.

Ба пиру ҷавон як ба як нангарад,
Шикоре, ки пеш оядаш, бишкарад.

Ҷаҳонро чунин аст созу ниҳод,
Ки ҷуз маргро кас зи модар назод.

Аз ин дар дарояд, аз он бигзарад,
Замона бар ӯ дам ҳаме бишмарад.»[2]

1. Л-бим асту андӯҳу.
2. ТПЗ - Ҳамин аст яксар саросар сухан,
Касе нав нахоҳад сарои куҳан,
Замонаш ҳамин асту расму ниҳод,
Ба як даст бистад, ба дигар бидод.

www.sattor.com

ҲУНАР НАМУДАНИ ЗОЛ ДАР ПЕШИ МАНУЧЕҲР

Чу Зол ин суханҳо бикард ошкор,
Аз ӯ шодмон шуд дили шаҳрёр.[1]

Ба шодӣ ҳама анҷуман баршигифт,
Шаҳаншоҳи гетӣ зеҳозеҳ гирифт.

Яке ҷашнгоҳе биёрост шоҳ,
Чунон чун шаби чордаҳ чархи моҳ.

Чашиданд май, то ҷаҳон тира шуд,[2]
Сари майгусорон зи май хира шуд.

Хурӯшидани марди полойхоҳ
Якояк баромад зи даргоҳи шоҳ.

Бирафтанд гурдон ҳама шоду маст,
Гирифта яке дасти дигар ба даст.

Чу барзад забона зи кӯҳ офтоб,
Сари номдорон баромад зи хоб.

Биёмад камарбаста Золи далер,
Ба пеши[3] шаҳаншоҳ чун наррашер.

Ба дастурии боз гаштан зи дар,
Шудан назди[4] солор-фаррух падар.

Ба шоҳи ҷаҳон гуфт, к-«Эй некхӯй,
Маро чеҳри Сом омадаст орзуй.

Бибӯсидам ин пояи тахти оҷ,
Дилам гашт равшан бад-ин фарру[5] тоҷ».

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй ҷавонмарди гурд,
Як имрӯз низат бибояд супурд.[6]

---

1. И-б. 1477 нест.
2. ИЛ-гашт.
3. Л-назди
4. Л- пеши.
5. Л-пеши
6. Л-нури.

www.sattor.com

Туро бӯяи[1] духти Меҳроб хост,
Дилат хоҳиши[2] Соми Найрам куҷост?»

Бифармуд, то санҷу ҳиндидарой
Ба майдон дароранд бо каррной.

Або найзаву гурзу тиру камон
Бирафтанд гурдон ҳама шодмон.

Камонҳо гирифтанду тири ханданг,
Нишона ниҳоданд чун рӯзи ҷанг.

Бупечид[3] ҳар кас ба чизе инон
Ба гурзу ба теғу[4] ба тиру синон.[5]

Зи боло ҳаме дид шоҳи ҷаҳон,
Зи гурдон ҳунар ошкору ниҳон.

Зи Дастони Сом он саворӣ бидид,
Ки на дида буду на аз кас шунид.[6]

Дарахте куҳан буд ба майдони шоҳ,
Гузашта бар ӯ-бар басе[7] солу моҳ.

Камонро бимолид Дастони Сом,
Барангехт аспу[8] баровард ном.

Бизад бар миёни дарахти саҳӣ,
Гузора шуд он тири шоҳаншаҳӣ.[9]

Сипар баргирифтанд ҷӯпинварон,
Бигаштанд бо хиштҳои гарон.

---

1. Л- шумурд; И-б. 1488 нест.
2. И-пуяи.
3. Л-ромиши.
4. Л-Битобид.
5. Л-найза.
6. Л-камон.
7. ИЛ-б. 1494-1495 нест.
8. Л-Фаровон гузашта бар ӯ.
9. И-Бар орост дасту.

www.sattor.com

Сипар хост аз ридаки турк Зол,
Бирангехт аспу баровард ёл.

Камонро бияфканду жӯпин гирифт,
Ба жӯпин шикори нав оин гирифт.

Бизад хишт бар се сипар гилвор,*[1]
Гузашту ба дигар сӯ афканд хор.[1]

Ба гарданкашон гуфт шоҳи ҷаҳон,
Ки «Бо ӯ кӣ ҷӯяд набард аз меҳон?

Яке баргирояд-ш андар набард,
Ки аз тиру жӯпин баровард гард.

Ҳама рост карданд гурдон силеҳ,
Ба дил хашмноку забон пурмазеҳ.

Ба овард рафтанд печон инон
Або найзаи обдода синон.

Барангехт Зол аспу бархост гард,
Чунон шуд, ки мард андаромад ба мард.

Нигаҳ кард, то кист з-эшон савор
Инонпечу гарданкашу номдор.

Сабук Золи ҷангӣ бар ӯ ҳамла кард,
Зи пешаш гурезон шуд он гурдмард.[2]

Зи гард андаромад ба сони паланг,
Гирифташ камарбанд[3] ӯро ба чанг.

Чунон хораш аз пушти зин баргирифт,
Ки шоҳу сипаҳ монд аз ӯ дар шигифт.*[4]

---

1. ТПЗИЛ- Ҳам андар таги асп як чӯба тир
Бияндохт, бигзашт чун наррашер.
2. Л-б. 1500-1503 нест.
3. ИЛ-б. 1509 нест.
4. М-номдор.

www.sattor.com

Манучеҳр гуфт: «Ин диловар ҷавон
Бимонод ҳамвора равшанравон.[1]

Ҳар он кас, ки бо ӯ биҷӯяд набард,
Кунад ҷома модар бар ӯ лоҷвард.

Зи шерон[2] назояд чун ӯ низ гурд,
Чӣ гурд, аз наҳангон-ш бояд шумурд.

Хунук Соми ял, к-ин чунин ёдгор
Бимонад ба гетӣ далеру савор.»[3]

Бар ӯ офарин кард шоҳи бузург,
Ҳам он номвар меҳтарони сутург.

Бузургон сӯи кохи шоҳ омаданд,
Камарбаставу бокулоҳ омаданд.

Яке хилъат орост шоҳи ҷаҳон,
К-аз ӯ хира монданд яксар меҳон.

Чи аз тоҷи пурмояву тахти зар,
Чи аз ёраву тавқу заррин камар,

Чи аз ҷомаҳои гаронмоя низ,
Парастандаву аспу ҳар гуна чиз.

Ба Золи сипаҳбад супурд он ҳумом,
Заминро бибӯсид Дастони Сом.[4]

ПОСУХИ НОМАИ СОМ АЗ МАНУЧЕҲР

Пас он номаи Сом посух набишт,
Шигифтӣ суханҳои фаррух набишт,

1. И-камаргоҳи.
2. Л-гурдон.
3. Л-б. 1516 нест.
4. Л-б. 1522 нест
*1 М- пас аз б. 1511 ин б. омада:
Ба овоз гуфтанд гарданкашон,
Ки мардум набинад касе з-ин нишон.

www.sattor.com

Ки, эй номвар паҳлавони далер,
Ба ҳар кор пирӯз бар сони шер.

Набинад чу ту низ гардонсипеҳр
Ба разму ба базму ба рою ба чеҳр.

Ҳамин пури фархунда Золи далер,
К-аз ӯ хира гардад гаҳи разм шер.

Далеру ҳунарманду гурду савор,
К-аз ӯ монад андар ҷаҳон ёдгор,

Расиду бидонистам аз коми ӯй*[1]
Ҳамон хоҳишу рою ороми ӯй.*[2]

Ҳама орзуҳо супурдам бад-ӯй,
Басе рӯзи фаррух шумурдам бад-ӯй.

Зи шере, ки бошад шикораш паланг,
Чӣ зояд ба ҷуз шери шарза ба ҷанг?

Гусӣ кардамаш бо диле шодмон,
К-аз ӯ дур бодо бади бадгумон.

Бурун рафт бо фаррухӣ Золи Зар,
Зи гурдони лашкар баровард сар.

Наванде барафканд наздики Сом,
Ки баргаштам аз шоҳ дил шодком.

Або хилъати хусравониву тоҷ,
Ҳамон ёраву тавқу ҳам[3] тахти оҷ

Сабук наздат оям кунун бошитоб,
Аё меҳрубон, номбардор боб!»[4]

1. М-ту.
2. М-Ту.
3. ТПЗ - Чу омад барам номаи паҳлавон,
Шунидам ман онро ба равшанравон.
Бикардам ҳамон чиз, к-ат ком буд,
Ҳамон Золро рою ором буд.
4. Л-бо.

www.sattor.com

Чунон шод шуд з-он сухан паҳлавон,
Ки бо пирсар шуд ба наввӣ ҷавон.

Саворе ба Кобул фиристод зуд,
Ба Меҳроб гуфт, он куҷо рафта буд.

Навозидани шаҳрёри ҷаҳон,
Аз он гуна шодӣ,[1] ки рафт аз меҳон.

Ҳам акнун[2] чу Дастон бари ман расад,[3]
Гироем[4] ҳар ду, чунон чун сазад.[5]

Фиристода тозон ба Кобул расид,
В-аз ӯ шоҳи Кобул суханҳо шунид.[6]

Чунон шод шуд шоҳи Кобулситон
Зи пайванди хуршеди Зобулситон,

Ки беҷоншуда боз ёбад равон,
Ва ё пирсар мард гардад ҷавон.[7]

Зи ҳар ҷой ромишгарон хонданд,
Ту гуфтӣ ҳама ҷон барафшонданд.

Чу Меҳроб шуд шоду равшанравон,
Лабаш гашт хандону дил шодмон.[8]

Гаронмоя Синдухтро пеш хонд,
Басе чарб гуфтор[9] бо ӯ биронд.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй ҷуфти[10] фархундарой,
Бияфрӯхт аз роят[11] ин тираҷой.

1. Л-В-аз он шодмонӣ.
2. Л-Ман инак.
3. Л-расид.
4. Л-Биёем.
5. Л сазид.
6. Л-Хурӯше баромад чунон, чун сазид.
7. Л-б. 1542 нест.
8. Л-б. 1544 нест.
9. Л-б. хубгуфтор.
10. Л-Чунин гуфт, к-эй моҳи.
11. Л – рои ту.

www.sattor.com

Ба шохе задӣ даст, к-андар замин
Бар ӯ шаҳрёрон кунанд офарин.

Чунон ҳам куҷо сохтӣ аз нахуст,
Бибояд мар инро саранҷом ҷуст.

Ҳама ганҷ пеши ту оростаст,
Агар тоҷ, агар тахт, агар хостаст».

Чу бишнид Синдухт, аз ӯ гашт боз,
Бари духтар омад сарояндароз.

Ҳаме мужда додаш ба дидори Зол,
Ки «Чун ёфтӣ ту, ки бояд[1] ҳамол.

Зану мардро аз баландӣ маниш
Сазад, гар барояд сар аз сарзаниш.

Сӯи коми дил тез*[2] биштофтӣ,
Кунун ҳар чи ҷустӣ, ҳама ёфтӣ».

Бад-ӯ гуфт Рӯдоба, к-«Эй шоҳзан,
Сазои ситоиш ба ҳар анҷуман.

Ман аз хоки пои ту болин кунам,
Ба фармон-т ороиши дин кунам.

Зи ту чашми оҳарманон дур бод,
Дилу ҷони ту хонаи сур бод!»

Чу бишнид Синдухт гуфтори ӯй,
Ба ороиши кох бинҳод рӯй.

Биёрост айвон чу хуррам биҳишт,
Маю мушку анбар ба ҳам дарсиришт.[3]

Бисоте бияфканд[4] пайкар ба зар,
Забарҷад дар ӯ бофта сар ба сар.

1. Л-Ки чун хостӣ, ёфтӣ з-ӯ.
2. М-зуд
3. Л-Гулобу маю мушку анбар сиришт.
4. Л-бигустурд.

www.sattor.com

Дигар пайкараш дурри хушшоб буд,
Ки ҳар донае қатраи об буд.

Дар айвон яке тахти заррин ниҳод,
Ба оину ороиши Чин ниҳод.

Ҳама пайкараш гавҳароганда буд,
Миёни гуҳар нақшҳо канда буд.[1]

Зи ёқут мар тахтро поя буд,
Ки тахти каён буду пурмоя буд.

Биёрост Рӯдобаро чун биҳишт,
Бар ӯ-бар басе[2] ҷодуиҳо набишт.

Нишондаш дар он хонаи зарнигор,
Касеро бари ӯ[3] надоданд бор.

Ҳама Кобулистон шуд ороста,
Пур аз рангу бӯю пур аз хоста.

Ҳама пушти пилон биёростанд,
Ба дебои румӣ биперостанд.

Нишастанд бар пил ромишгарон,
Ниҳоданд бар сар ҳама афсарон.

Пазира шуданро биёростанд,
Якояк[4] парастандагон хостанд.

Кучо барфишонанд мушку абир,
Ҳамон густаронанд хаззу ҳарир.

Фишонанд бар сар ҳаме мушку зар,
Кунанд[5] аз гулобу зи май хок тар.[6]

---

1. Л – б. 1562 нест.
2. Л-Ба хуршед бар.
3. Л-дар он ҷо.
4. Л-Зи Кобул.
5. Л-Ҳаме.
6. ТПЗ - Ва-аз он сӯ дамон Золу ёрони ӯй,
Сӯи Зобулистон ниҳоданд рӯй.

www.sattor.com

РАСИДАНИ ЗОЛ БА НАЗДИКИ СОМ

Ҳаме ронд Дастон гирифта шитоб,
Чу парранда мурғу чу[1] киштӣ бар об.

Касеро, ки буд з-омадан-ш огаҳӣ,
Пазира бирафтанд бо фарраҳӣ.

Хурӯше баромад зи пардасарой,
Ки омад зи раҳ Золи фархундарой.

Пазира шудаш Соми ял шодмон,
Ҳамедошт андар бараш як замон.

Чу шуд з-ӯ раҳо Зол, бӯсид хок,
Бигуфт, он куҷо диду[2] бишнид пок.

Нишаст аз бари тахт пурмоя Сом
Або Зол хуррамдилу шодком.

Суханҳои Синдухт гуфтан гирифт,
Чу хандон шуд, он гаҳ[3] нуҳуфтан гирифт.

Чунин гуфт к-«Омад зи Кобул паём,
Паямбар зане буд, Синдухт ном.

Зи ман хост паймону додам забон,
Ки ҳаргиз набошам бад-ӯ бадгумон.

Зи ҳар чиз, к-аз ман ба хубӣ бихост,
Суханҳо бар ӯ барниҳодем рост.

Нахуст он, ки то шоҳи Зобулситон[4]
Шавад ҷуфт бо моҳи Кобулситон.[5]

Дигар он, ки зӣ ӯ ба меҳмон шавем,
Бар он дардҳо пок дармон шавем.[6]

1. Л-мурғону
2. Л-аз куҷо дид.
3. Л-Чу шуд лаб-ш хандон.
4. Л-бо моҳи Кобулистон.
5. Л-хуршеди Зобулистон.
6. Л-б. 1583 нест.

www.sattor.com

Фиристодае омад аз назди ӯй,
Ки шуд сохта кору пуррангу бӯй.[1]

Кунун чист посух фиристодаро,
Чӣ гӯем Меҳроби озодаро?»

Зи шодӣ чунон тоза шуд Золи Сом,
Ки рангаш саропой шуд лаълфом.

Чунин дод посух, ки «Эй паҳлавон,
Гар эдун, ки бинӣ ба равшанравон,

Сипаҳ рониву мо зи пастар[2] шавем,
Бигӯему з-ин дар сухан бишнавем.»

Ба Дастон нигаҳ карду хандид[3] Сом,
Бидонист к-ӯро аз ин чист ком.[4]

Суханҳо ҷуз аз духти Меҳроб нест,
Шаби тира мар Золро хоб нест.[5]

Бифармуд, то зангу ҳиндидарой
Заданду кушоданд пардасарой.

Ҳаюне барафканд марди далер,
Бад-он то шавад назди Меҳроби шер,

Бигӯяд, ки омад сипаҳбад ба роҳ
Або Золу пилону чанде сипоҳ.

Фиристода омад ба Меҳроб зуд,
Саросар бигуфт, он чи диду шунуд.

---

1. Л-Кори фарзанди ӯй.
2. Л-нахустин.
3. Л-фархунда.
4. -пас аз б. 1589 ин б. омада:
   Варо дод посух ба ширин забон,
   Ки-Эй номвар, некпай, паҳлавон.
5. ТПЗ - Чунин аст андозаи кори меҳр,
   Намонад хирад, чун намояд-т чеҳр.

www.sattor.com

Чу бишнид Меҳроб, шуд шодмон,
Ба рух гашт ҳамчун гули арғавон.[1]

Бизад ною рӯину[2] барбаст кӯс,
Биёрост лашкар чу чашми хурӯс.

Або жандапилону ромишгарон
Замин шуд биҳишт аз карон то карон.

Зи бас гуна-гун парниёнӣ дурафш,
Чи сурху чи сабзу чи зарду[3] бунафш.

Чи овози ною чи овози чанг,
Хурӯшидани бӯқу овои занг.

Ту гуфтӣ, магар рӯзи анҷомиш аст,
Яке растахез аст, ё ромиш аст.[4]

Ҳамерафт з-ин гуна то пеши[5] Сом,
Фуруд омад аз аспу бугзорд гом.

Гирифташ ҷаҳонпаҳлавон дар канор,
Бипурсидаш аз гардиши рӯзгор.

Шаҳи Кобулистон гирифт офарин,
Чи бар Сому бар Золи Зар ҳамчунин.

Нишаст аз бари бораи тезрав,
Чу аз кӯҳ[6] сар барзанад моҳи нав.

Яке тоҷи заррин, нигораш гуҳар,[7]
Ниҳод аз бари тораки Золи Зар.[8]

---

1. Л-б. 1594, 1595 нест.
2. Л-ной меҳробу.
3. ИЛ-Чи сурху сафеду чи лаълу.
4. Л-б. 1599, 1600 нест.
5. Л-наздики.
6. Л-чарх.
7. Л - Яке тоҷи заррини гавҳарнигор
Ниҳод аз бари торакаш таргдор.
8. Л-кас аз б. 1605 ин б. омада:
Куҷо андар ӯ буд хуррамбаҳор,
Нигаҳ кард Сом андар он шаҳрёр.

www.sattor.com

Ба Кобул расиданд хандону шод,
Суханҳои дерина карданд ёд.

Ҳама шаҳр з-овои ҳиндидарой,
Зи нолидани барбату чангу ной

Ту гуфтӣ, дару бом ромишгар аст,
Замона ба ороиши дигар аст».[1]

Бишуд ёли аспон карон то карон
Барандуда аз мушку аз[2] заъфарон.[3]

Бурун рафт Синдухт бо бандагон,
Миён баста сесад парастандагон.

Мар он ҳар якеро яке ҷоми зар
Ба даст - андарун пур зи мушку гуҳар.

Ҳама Сомро офарин хонданд,
В-аз он ҷомҳо[4] гавҳар афшонданд.

Бар он ҷашн ҳар кас,ки омад фароз,
Шуд аз хоста як ба як бениёз.[5]

Бихандиду Синдухтро Сом гуфт,
Ки «Рӯдобаро чанд хоҳӣ нуҳуфт?»

Бад-ӯ гуфт Синдухт: «Ҳадя куҷост,
Агар дидани офтобат ҳавост?»

---

1. Л - Ту гуфтӣ, даду дом ҷоду шудаст,
Замона зи ороиш оҳу шудаст.
2. Л-маю.
3. ТПЗ - Ҳама пушти пилон пур аз кӯсу ной,
Дару дашт пур бонги нағмасарой.
Л- Ҳама рӯи пилон пур аз бӯқу кӯс,
Баророст лашкар чу чашми хурӯс.
4. Л-пас он ҷоми.
5. ТПЗ - Ба зери паи пилу аспон гуҳар,
Чу ахтар ҳаме тофт бар чарх - бар,
Зи динору аз гавҳари пурбаҳо
Набудӣ дирамро дар он ҷо баҳо.

www.sattor.com

Чунин дод посух ба Синдухт Сом,
Ки «Аз ман бихоҳ, он чи дорӣ ту[1] ком,

Зи ганҷу зи тоҷу зи тахту зи шаҳр
Маро ҳарчӣ бошад, шуморост баҳр.»[2]

Бирафтанд зӣ хонаи зарнигор,
Куҷо андарун буд хуррамбаҳор.

Нигаҳ кард Сом андар он моҳрӯй,
Якояк шигифте бимонд андар ӯй.

Надонист, к-аш чун ситояд ҳаме,
Бар ӯ чашмро чун кушояд ҳаме.[3]

Бифармуд, то рафт Меҳроб пеш,
Бубастанд аҳде ба оину кеш.

Ба як тахташон шод биншонданд,
Ақиқу забарҷад барафшонданд.

Сари моҳ бо афсари зарнигор,
Сари шоҳ бо тоҷи гавҳарнигор.

Биёвард пас дафтари хоста,
Ҳамон нусхаи ганҷи ороста.

Бар ӯ хонд он ганҷҳо, ҳарчӣ буд,
Ки гӯш он наёраст, гуфтӣ,[4] шунуд.

Чу Сом ончунон дид, хира бимонд,
Бар он хоста номи Яздон бихонд.[5]

Бирафтанд аз он ҷо ба ҷои нишаст,
Бибуданд як ҳафта бо май ба даст.

---

1. Л-бояд-т.
2. Л—б. 1617 нест.
3. ТПЗ - Ба Зол он гаҳе гуфт, к-«Эй некбахт,
Зи Яздон туро ёварӣ буд сахт.
Ки рӯят гузид ин хури пурфурӯғ
Гузида гузидӣ, чӣ бояд дурӯғ?»
4. Л-гуфтан.
5. Л-б. 1626 нест.

www.sattor.com

Ҳама шаҳр будӣ пуровози нӯш,
Сарои сипаҳбад биҳиште ба ҷӯш.[1]

На Золу на он моҳи беҷодалаб
Бихуфтанд як ҳафта дар рӯзу шаб.[2]

В-аз айвон сӯи кох рафтанд боз,
Се ҳафта ба шодӣ гирифтанд соз.

Бузургони кишвар-ш бо дастбанд
Кашиданд саф пеши кохи баланд.[3]

Сари моҳ Соми Наримон бирафт,
Сӯи Систон рӯй бинҳод тафт.[4]

Аз он пас, ки ӯ рафта буд, Зол боз
Ба шодӣ яке ҳафта бигрифт соз.[5]

Имориву болои ҳавдаҷ бисохт,
Яке маҳд то моҳро дарнишохт.

Чу Синдухту Меҳробу пайванду хеш
Раҳи Систонро гирифтанд пеш,[6]

Бирафтанд шодондилу хушманиш,[7]
Пур аз офарин лаб зи некидиҳиш.

Расиданд пирӯз дар Нимрӯз,
Ҳама[8] шоду хандону гетифурӯз.

---

1. Л-б. 1628 нест.
2. ТПЗ - Або якдигар аз бас омехтан,
   Бишуд гавҳар он шаб дар ангехтан.
3. ТПЗ - Бибуданд як ҳафта бо ною руд
   Або суру чашну хирому суруд.
4. Л-пас аз б. 1632 ин байт омада:
   Або Золу бо лашкару пилу кӯс,
   Замона рикоби варо дод бӯс.
5. Л - Аз он пас куҷо рафта буд Золи Зар,
   Ба шодӣ гирифтанд ҷои падар.
6. Л-б. 1635 нест.
7. Л-шодондил, пурманиш.
8. Л-чунон.

www.sattor.com

Яке базм Сом он гаҳе соз кард,
Се рӯз андар он базм бигмоз кард.

Пас он гоҳ Синдухт он ҷо бимонд,
Худу лашкараш сӯи Кобул биронд.[1]

Супурд он гаҳе Сом шоҳӣ[2] ба Зол,
Бурун бурд лашкар ба фархунда фол.

Сӯи Гургсорон, сӯи Бохтар
Дурафши хуҷаста барафрохт сар.[3]

Шавам-гуфт, к-он подшоҳӣ марост,[4]
Дилу дида бо ман надоранд рост.

Манучеҳр маншури он буму бар
Маро доду гуфто, ҳаме дору х(в)ар.[5]

Битарсам[6] зи ошӯби бадгавҳарон,
Бавижа зи девони[7] Мозандарон.

Туро додам, эй Зол, ин тахтгоҳ,
Ҳамин подшоҳиву фарру кулоҳ.[8]

Бишуд Соми якзахму биншаст Зол,
Маю маҷлис орост фарруххамол.[9]

1. Л-б. 1638, 1639 нест;
   ТПЗ - Чу Золи гаронмояи некном,
   Ба коми дили хештан дид Сом.
2. Л-замон подшоҳӣ.
3. Л-баровард пар.
4. Л-ҷудост.
5. Л-б. 1643 нест.
6. Л-Бипурсам.
7. Л-гурдони.
8. Л-б. 1645 нест.
9. Л-Фархундафол; Л-пас аз б. 1646 ин б. омада:
   Нишаст аз бари тахти Зобул ба дод,
   Ба шоҳаншаҳӣ тоҷ бар сар ниҳод.
   Ҳама Кобулу Зобулу Нимрӯз
   Ба шоҳии Дастони гетифурӯз
   Чу хулди барин хурраму тоза шуд,
   Зи додаш дар олам - дар овоза шуд,

www.sattor.com

Чу Рӯдоба биншаст бо Золи Зар,
Ба сар барниҳодаш яке тоҷи зар.

ГУФТОР АНДАР ЗОДАНИ РУСТАМ

Басе барнаёмад бар ин рӯзгор,
Ки озодасарв андаромад ба бор.

Баҳори дилафрӯз пажмурда шуд,
Дилаш бо ғаму ранҷ биспурда шуд.

Зи бас бор к-ӯ дошт дар андарун,
Ҳаме ронд Рӯдоба аз дида хун.[1]

Шикам сахт шуд фарбеҳу тан гарон,
Шуд он арғавонӣ рухаш заъфарон.

Бад-ӯ гуфт модар, ки «Эй ҷони мом,
Чӣ будат, ки гаштӣ чунин[2] зардфом?»

Чунин дод посух, ки «Ман рӯзу шаб
Ҳаме баркушоям ба фарёд лаб.

Чунон гашта бехобу[3] пажмурдаам,
Ту гӯӣ, ки ман зиндаи мурдаам.

Ҳамоно замон омадастам фароз
В-аз ин бор бурдан наёбам ҷавоз».

Ҳунарпарварони ҷаҳон сар ба сар,
Ба даргоҳи Дастон ниҳоданд сар.
Зи дониш ба наздаш фурӯзанда чоҳ,
Бараш аз ҳунар ёфтанд пойгоҳ.
Гаронмоя Дастони хусравнажод,
Зи пайванди Рӯдоба буд сахт шод,
Чунон шефта буд бари чеҳри ӯ,
Ки ҷонаш набуд тоза бе меҳри ӯ.
Басе барнаёмад бад-ин рӯзгор,
Ки то зодсарв андаромад ба бор.

1. Л-б. 1649, 1650 нест.
2. Л-эдун шудӣ.
3. Л-бе зӯру.

www.sattor.com

Чунин то гаҳи зодан омад фароз,
Ба хобу ба ором будаш ниёз.[1]

Ту гуфтӣ ба санг асташ оганда пӯст
Ва ё з-оҳан аст, он ки буда дар ӯст.

Чунон шуд, ки як рӯз аз ӯ рафт ҳуш,
Аз айвони Дастон баромад хурӯш.[2]

Хурӯшид Синдухту бишхуд рӯй,
Биканд он сияҳ гесӯи мушкбӯй.

1660 Якояк ба Дастон расид огаҳӣ,
Ки пажмурда шуд барги сарви саҳӣ.

Ба болини Рӯдоба шуд Золи Зар
Пур аз об рухсору хаста ҷигар.[3]

Шабистон ҳама бандагон канда мӯй,
Бараҳна сару мӯю тар карда рӯй.

Ба дил он гаҳе Зол андеша кард,
В-аз андеша осонтараш гашт дард.[4]

Ҳамон парри Симурғаш омад ба ёд,
Бихандиду Синдухтро мужда дод.

1665 Яке миҷмар оварду оташ фурӯхт,
В-аз он парри Симурғ лахте бисӯхт.

Ҳам андар замон тирагун шуд ҳаво,
Ба зер[5] омад он мурғи фармонраво.

---

1. ТПЗ - Беором Синдухт аз дарди ӯй
Гиристӣ, чу дидӣ рухи зарди ӯй.
2. ТПЗ - Чу омад гаҳи борпардахтанӣ,
Ки гардад таносон зи нохуфтанӣ.
3. ТПЗ - Ҳамеканд мӯю ҳамехаст даст,
Пур аз ғам ҳаме буд бар сони маст.
4. Л-б. 1662, 1663 нест.
5. Л-Падид..

www.sattor.com

Чу абре, ки борон-ш марҷон[1] бувад,
Чӣ марҷон,[2] ки оромиши[3] ҷон бувад.[4]

Бад ӯ кард Зол офарини дароз,
Ситудаш фаровону бурдаш намоз.[5]

Чунин гуфт Симурғ, к-«Ин ғам чарост,
Ба чашми ҳижабр - андарун нам чарост?

Аз[6] ин сарви симинбари моҳрӯй
Яке шер бошад туро[7] номҷӯй,

Ки хоки паи ӯ бибӯсад ҳижабр,
Наёрад ба сар - бар гузаштан-ш абр.

В-аз овози ӯ чарми ҷангипаланг
Шавад чок-чоку бихояд ду чанг.

Ҳар он гурд, к-овози[8] кӯполи ӯй
Бубинад бару бозуву ёли ӯй,

Зи овози ӯ андарояд зи ҷой[9]
Дили марди ҷангии пӯлодхой.[10]

Ба гоҳи[11] хирад Соми сангӣ бувад,
Ба хашм - андарун шери ҷангӣ бувад.

Ба болои сарву ба нерӯи пил,
Ба ангушт хишт афканад бар ду мил.

---

1. Л-барҷон.
2. Л-Чи бар ҷон.
3. Л-ороиш.
4. ТПЗ - Биёмад дамон то ба наздики Зол
   Гузини ҷаҳон мурғи фархундафол.
5. Л-б. 1668 нест.
6. Л-К-аз.
7. Л-гави.
8. Л-ҳар он бораи диз, ки.
9. Л-Ҳам андар замон андарояд зи пой?.
10. Л-намонад ба ҷой.
11. Л-Ҷои.

www.sattor.com

Наёяд ба гетӣ зи роҳи зеҳаш
Ба фармони додори некидиҳиш.[1]

Биёвар яке ханҷари обгун,
Яке марди бинодили пурфусун.

Нахустин ба май моҳро маст кун,
Зи дил биму андешаро[2] паст кун.

Ту бингар, ки бинодил афсун кунад,
Зи сандуқ то шер берун кунад.

Бикофад[3] тиҳигоҳи сарви саҳӣ,
Набошад мар ӯро зи дард огаҳӣ.

В-аз ӯ баччаи шер берун кашад,
Ҳама паҳлуи моҳ дар хун кашад.[4]

В-аз он пас бидӯзад, куҷо кард чок,
Зи дил дур кун тарсу андӯҳу бок.

Гиёҳе ки гӯям, ту бо ширу мушк
Бикӯбу бикун ҳар се дар соя хушк.

Бисою биёло бар он хастагиш,
Бибинӣ ҳам андар замон растагиш.[5]

Бар он мол аз он пас яке парри ман
Хуҷаста бувад сояи фарри ман.

Туро з-ин сухан шод бояд будан,
Ба пеши ҷаҳондор бояд шудан,

Ки ӯ додат ин хусравонӣ дарахт,
Ки ҳар рӯз нав бишкуфонад-т бахт.

---

1. Л-яздони некидиҳиш.
   ТПЗ - Бад-он т-ош бешӣ бувад хуррамӣ
   Бад-ин омадан аз раҳи мардумӣ.
2. Л-тарси бекорaро.
3. Л-Бикобад.
4. Л-б. 1682 нест.
5. Л-Бубинӣ ҳамон рӯз пайвастагиш.

www.sattor.com

Бад-ин кор дил ҳеч ғамгин мадор,
Ки шохи барӯмандат ояд[1] ба бор».

Бигуфту яке пар зи бозу биканд,
Фиканду ба парвоз бар шуд баланд.[2]

Бишуд Золу он парри ӯ баргирифт,
Бирафту бикард, он чи гуфт, эй шигифт.[3]

Бар он кор наззора буд як ҷаҳон,
Ҳама дида пурхуну хаста равон.

Фурӯ рехт аз дида Синдухт хун,
Ки кӯдак зи паҳлӯ кай ояд бурун.

Биёмад яке мӯбади чарбдаст,
Мар он моҳрухро ба май кард маст.

Бикофид беранҷ паҳлӯи моҳ,
Битобид мар баччаро сар зи роҳ.

Чунон бегазандаш бурун оварид,
Ки кас дар ҷаҳон ин шигифтӣ надид.

Яке бачча буд чун гави шерфаш,
Ба боло баланду ба дидор каш.[4]

Шигифт андар ӯ монда буд марду зан,
Ки нашнид кас баччаи пилтан.

Шабонрӯз модар зи май хуфта буд,
Зи май хуфтаву дил зи ҳуш рафта буд.

---

1. Л-барӯмандӣ орад.
2. Л - Бигуфт ину аз бол парре биканд,
   Бад-ӯ доду бар шуд ба абри баланд.
3. Л-гуфту шунифт.
4. ТПЗ - Ҳама мӯи сар сурху рӯяш чу хун,
   Чу хуршеди рахшанда омад бурун,
   Ду дасташ пур аз хун зи модар бизод,
   Надорад касе инчуни бачча ёд.

www.sattor.com

Ҳамон захмгоҳаш[1] фурӯ дӯхтанд,
Ба дору ҳама дард[2] биспӯхтанд.

Чу аз хоб бедор шуд сарвбун,
Ба Синдухт букшод лаб бар сухун.

Бар ӯ зарру гавҳар барафшонданд,
Абар кирдгор офарин хонданд.

Мар он баччаро пеши ӯ тохтанд,
Ба сони сипеҳре барафрохтанд.

Ба якрӯза гуфтӣ, ки яксола буд,
Яке тӯдаи савсану лола буд.[3]

Бихандид аз он бачча сарви саҳӣ,
Бидид андар ӯ фарри шоҳаншаҳӣ.[4]

Бигуфто: Бирастам, ғам омад ба сар,
Ниҳоданд Рустам-ш номи писар.[5]

Яке кӯдакӣ дӯхтанд аз ҳарир
Ба болои он шери нохӯрдашир.

Дарун - андар оганда мӯи самур,
Ба рух барнигорида Ноҳиду ҳур.

Ба бозуш - бар аждаҳои далер,
Ба чанг - андараш дода чанголи шер.

Ба зери каш - андар гирифта синон,
Ба як даст кӯполу дигар инон.

Нишондандаш он гаҳ ба аспи саманд,
Ба гирд - андараш чокарон низ чанд.

1. Л-дарзгоҳаш.
2. Л-дарз.
3. Л-б. 1704 нест.
4. ТПЗ - Зи тан дур дид он гаронбандро,
Чу дид он гаронмоя фарзандро.
5. Л-б. 1706 нест;
ТПЗ- Аз ӯ Золу Синдухт хуррам шуданд,
Бифармуд, то зиракон омаданд.

www.sattor.com

Чу шуд кор яксар ҳаме сохта,
Чунон чун бибоист, пардохта[1],

Ҳаюни таковар барангехтанд,
Ба фармонбарон - бар дирам рехтанд.

Мар он сурати Рустами гурздор[2]
Бибурданд наздики Соми савор.

Яке ҷашн карданд дар гулситон,
Зи Кобулситон то ба Зобулситон.

Ҳама дашт бо бодаву ной буд,
Ба ҳар кунҷ сад маҷлисоройи буд.

Ба Кобул дарун гашт Меҳроб шод,
Ба мужда ба дарвеш динор дод.

Ба Зобулситон аз карон то карон,
Нишаста ба ҳар ҷой ромишгарон.[3]

Набуд кеҳтар аз меҳтарон бар фуруд,
Ба ҳам дарнишастанд чун[4] тору пуд.

Пас он пайкари Рустами ширхор
Бибурданд наздики Соми савор.

Фиристода бинҳод дар пеши Сом,
Нигаҳ карду хуррам шуду шодком.[5]

Абар Соми ял мӯй бар пой хост,
«Маро монад ин парниён,-гуфт,-рост.

Агар ним аз ин пайкар ояд танаш,
Сараш абр соя, замин доманаш».

1. Л-б. 1711, 1712 нест
2. Л-номдор.
3. Л-б. 1716, 1718 нест.
4. Л-Нишаста ба як ҷой бар.
5. Л-б. 1721 нест.

www.sattor.com

В-аз он пас фиристодаро пеш хост,[1],
Дирам рехт, то бо сараш гашт рост.[2]

Ба шодӣ баромад зи даргоҳ кӯс,
Биёрост майдон чу чашми хурӯс.

Дар он шаҳри Сагсору Мозандарон
Бифармуд озин карон то карон.

Май овард у ромишгаронро бихонд,
Ба хоҳандагон-бар дирам барфишонд.

Чу як ҳафта бугзашт з-он гуна кор,
Нависанда биншонд он номдор.[3]

Пас он номаи Зол посух набишт,
Биёрост чун марғзори биҳишт.

Нахуст офарин кард бар кирдгор,
Бад-он шодмон гардиши рӯзгор.

Ситудан гирифт он гаҳе Золро,
Худованди шамшеру кӯполро.

Пас омад бад-он пайкари парниён,
Ки ёли ялон дошту фарри каён.

Бифармуд, к-ӯро[4] чунон арҷманд
Бидоред, к-аз дам наёбад газанд.[5]

Ниёиш ҳаме кардам андар ниҳон
Шабу рӯз бо[6] кирдгори ҷаҳон,

---

1. Л-хонд.
2. Л- Дирам бар сари ӯ ҳаме барфишонд;
   ТПЗЛ- Биёрост ҷашне, ки хуршеду моҳ
   Назора шуданд андар он ҷашнгоҳ*.
   *Л - базмгоҳ.
3. Л-б. 1725-1728 нест.
4. Л-к-инро.
5. И-б. 1515-1738 нест.
6. Л-Аз ин бахшиши.

www.sattor.com

Ки рӯзе бубинад[1] ҷаҳонбини ман
Зи тухми ту пуре[2] бар оини ман.

Кунун шуд марову туро пушт рост,
Набояд ҷуз аз[3] зиндагониш хост.

Фиристода омад чу боди дамон
Бари Золи равшандилу шодмон.

Бад-ӯ гуфт як-як зи шодии Сом,
Ки чун худ барафрохт ин некном.

Пас он гоҳ нома бари Золи Зар
Ниҳоду бад-ӯ дод панди падар.[4]

Чу бишнид[5] Зол ин суханҳои нағз,
Ба дил гашт хуррам гави покмағз.[6]

Ба шодиш бар шодмонӣ фузуд,
Барафрохт гардан ба чархи кабуд.

Ҳаме гашт аз он гуна бар сар ҷаҳон,
Бараҳна шуд он розҳои ниҳон.[7]

Ба Рустам ҳаме дод даҳ доя шир,
Ки нерӯи мард асту сармоя шир.[8]

Чу аз шир омад сӯи х(в)арданӣ,
Шуд аз нону аз гӯшт парварданӣ.

Будӣ панҷ марда мар ӯро х(в)ариш,
Бимонданд мардум аз он парвариш.[9]

---

1. Л-Яке зинда бинад.
2. Л-гурде.
3. Л-ба ҷуз.
4. Л-б. 1737-1739 нест; И-б. 1738, 1739 нест.
5. Л-бархонд.
6. Л-Ки равшан равон андарояд ба мағз.
7. Л - Ҳаме гашт чанде бар ӯ - бар ҷаҳон
   Гаҳе ошкоро, гаҳе дар ниҳон.
8. ТПЗ-Кучо мешуд он шери пурмоя сер.
9. Л-1745 нест.

www.sattor.com

Чу Рустам бипаймуд болои ҳашт,
Ба сони яке сарви озода гашт.

Чунон шуд,[1] ки рахшон ситора шавад[2],
Ҷаҳон бар ситора назора шавад.[3]

Ту гуфтӣ, ки Соми ял астӣ ба ҷой,
Ба болову фарҳангу дидору рой.[4]

ОМАДАНИ СОМ БА ДИДАНИ РУСТАМ

Чу огоҳӣ омад ба Соми далер,
Ки шуд пури Дастон ба кирдори шер,

Кас андар ҷаҳон кӯдаки норасид
Бад-ин шермардиву гурдӣ надид,

Биҷунбид мар Сомро дил зи ҷой,
Ба дидори он кӯдак омад-ш рой.

Сипаҳро ба солори лашкар супурд,
Бирафту ҷаҳондидагонро бибурд.

Чу меҳраш сӯи пури Дастон кашид,
Сипаҳро сӯи Зобулистон кашид.

Чу Дастон шуд огоҳ,[5] барбаст кӯс,
Зи лашкар замин гашт чун обнӯс.

Худу гурд Меҳроби кобулхудой
Пазира шуданро ниҳоданд рой.

Бизад мӯҳра бар ҷому бархост ғав,
Баромад зи ҳар ҷо деҳу дору рав.

1. Л-буд.
2. Л-бувад.
3. Л-бувад.
4. ТПЗ-Ҳунар худ бад-ӯ будаш омӯзгор,
   Ки худ буд ёригараш рӯзгор.
5. ИЛ-Чу Зол огаҳӣ ёфт.

www.sattor.com

Яке лашкаре кӯҳ то кӯҳ мард,
Сипар дар сипар бофта сурху зард.[1]

Хурӯшидани тозиаспону пил,
Ҳаме рафт овоз бар панҷ[2] мил.

Яке жандапиле биёростанд,
Бар ӯ тахти заррин бипеространд.

Нишаст аз бари тахти зар пури Зол
Або[3] қомати сарву бо китфу ёл.

Ба сар бар-ш тоҷу камар бар миён,
Сипар пешу дар даст тиру камон.[4]

Чу аз дур Соми ял ӯро бидид,
Сипаҳро дурӯя рада баркашид.

Фуруд омад аз асп Меҳробу Зол,
Бузургон, ки буданд бисёрсол,

Якояк ниҳоданд сар бар замин,
Абар Соми ял хонданд[5] офарин.

Чу гул чеҳраи Соми ял баршукуфт,
Чу фарзандро дид бо ёлу суфт.

Чу бар пил - бар баччаи шер дид,
Бихандиду шодон дилаш бардамид.[6]

Чунонаш або пил пеш оварид,
Нигаҳ карду бо тоҷу тахташ бидид.

---

1. Л-Замин қиргуну ҳаво лоҷвард.
2. Л-то чанд; И-бар чанд.
3. Л-Бад-он.
4. Л-Сипаҳ пешу дар даст гурзи гарон;
   ТПЗ - Чу Меҳробу чун Зол дар пеши пил,
   Зи гард ин ҷаҳон гашта ҳамранги Нил.
   Рухи Рустами Зол з-он гард боз
   Ҳаме тофт чун офтоб аз фароз.
5. И-Сом мехонданд; Л-Гирифтанд бар Соми Ял.
6. ТПЗ - Нигаҳбони Рустам бад-он рою соз
   Чу шуд назди Соми яли сарфароз.

www.sattor.com

Яке*[1] офарин кард Соми далер,
Ки «Таҳмо, ҳижабро, бизӣ шод дер!»[2]

Бибӯсид Рустам-ш тахт, эй шигифт,
Ниёро яке нав ситоиш гирифт,[3]

Ки «Эй паҳлавони ҷаҳон, шод бош,
Чу шохи туам ман, ту бунёд бош.[4]

Яке бандаам паҳлавон[5] Сомро,
Нашоям хуру хобу оромро.

Ҳаме аспу[6] зин хоҳаму диръу хӯд,
Ҳаме тири[7] новак фиристам дуруд.

Сари душманонро супорам ба пой,
Ба фармони додори бартархудой.[8]

Ба чеҳри ту монад ҳаме чеҳраам,
Магар чун[9] ту бошад ҳаме заҳраам».

В-аз он пас фуруд омад аз пили маст,
Сипаҳдор бигрифт дасташ ба даст.

Ҳаме бар сару чашми ӯ дод бӯс,
Фурӯ монда[10] бар ҷой пилону кӯс.

Ба Гӯроба он гаҳ[11] ниҳоданд рӯй,
Ҳама роҳ шодону пургуфтугӯй.

---

1. М-Бад-ӯ
2. ТПЗ - Далеро, гаво, пури Золо, шаҳо,
   Сарафрози тоҷо, баландахтаро!
   Туро он ситоиш бас андар ҷаҳон,
   Ки чун ту бурун н-омадӣ аз ниҳон.
3. ТПЗ - Чунин гуфт бо паҳлавон пури Зол,
   Чу дидаш абар пил бо китфу ёл.
4. И-б. 1770 нест.
5. Л-номвар.
6. Л-пушти.
7. Л-Ба тиру ба.
8. Л-б. 1773 нест.
9. И-ба сони.
10. Л-Чунон чун ту бошад дилам.
11. ИЛ-монд.

www.sattor.com

Ҳама коххо тахти заррин ниҳод,
Нишастанду хӯрданду буданд шод.

Баромад бар ин-бар яке моҳиён,
Ба ранҷе набастанд як тан[1] миён.

Ҳаме хӯрд ҳар кас ба овози[2] руд,
Ҳаме гуфт ҳар кас ба шодӣ[3] суруд.

Яке[4] гӯшаи тахт Дастон нишаст,
Дигар сӯй Рустам амуде ба даст.

Ба пеш - андарун Соми кайҳонкушой[5]
Фурӯ ҳишта аз тоҷ парри хумой.

Ба Рустам ниё дар шигифте бимонд,
Бар ӯ ҳар замон номи Яздон бихонд.

Бад-он бозуву ёлу он қадду[6] шох,
Миён чун қалам, синаву бар фарох.

Ду ронаш чу рони хаюнон ситабр,
Дили шеру нерӯи бабру ҳижабр.

Бад-ин хуб рӯю бад-ин*[7] фарру ёл
Ба гетӣ набошад кас ӯро ҳамол.[8]

Ба Зол он гаҳе гуфт: "Бо сад нажод
Бипурсӣ, кас инро надорад ба ёд,

Ки кӯдак зи паҳлӯ бурун оваранд,
Бад-ин некуӣ чора чун оваранд.

Ба Симурғ бодо ҳазор офарин,
Ки Эзад варо раҳ намуд андар ин!

1. Л-Сипаҳ ронданду; ТП-Пас он гоҳ ба айнон.
2. Л-рӯзе.
3. Л-бода ба овон.
4. Л-ҳар як каёни.
5. ИЛ-гетикушоӣ.
6. Л-бурзу болову.
7. хубрӯиву ин.
8. Л-б. 1785, 1786 нест.

www.sattor.com

Бад-ин шодмонӣ кунун май х(в)арем,
Ба май ҷони андӯҳро бишкарем.

Сипанҷ аст гетӣ пур аз ою рав,
Куҳан шуд яке, дигар оранд нав".

Ба май даст бурданду мастон шуданд,
Зи Рустам сӯи ёди Дастон шуданд.

Ҳаме хӯрд Меҳроб чандин набид,
Ки ҷуз хештанро ба гетӣ надид.[1]

Ҳаме гуфт н-андешам аз Золи Зар,
На аз Сому аз шоҳи боточу фар.

Ману Рустаму аспи шабдизу теғ,
Наёрад ба мо соя густард меғ.[2]

Кунам зинда[3] оини Заҳҳокро,
Ба пай мушки соро кунам хокро.

Бисозам кунун ман зи баҳраш силеҳ,*[4]
Ҳаме гуфт чунин зи роҳи мазеҳ.[5]*[6]

Пур аз ханда гашта лаби Золу Сом
Зи гуфтори Меҳроби дилшодком.

Сари моҳи нав ҳурмуз аз меҳрмоҳ
Бад-он тахти фархунда бугзид роҳ.

Бисозид Сому бурун шуд ба дар,
Яке манзиле Зол шуд бо падар.

---

1. Л – б. 1789-1790 нест.
2. И-б. 1795 нест; Л-б. 1795 ин б. омада:
   Зи бозуи ӯ тоза шуд рӯзи ман,
   Ҳамон ахтари оламфурӯзи ман
   Кӣ дорад ба гетӣ кунун пои ӯ,
   Ҳамон чеҳраи гетиорои ӯ?
3. Л – тоза.
4. М-силоҳ.
5. Л – б.1797 нест.
6. М-баҳри мазоҳ.

www.sattor.com

Ҳаме рафт бар пил Рустам дижам
Ба падруд кардан ниёро ба ҳам.[1]

Чунин гуфт мар Золро, к-«Эй писар,
Нигар, то набошӣ ҷуз аз[2] додгар.

Ба фармони шоҳон дил ороста,
Хирадро гузин карда бар хоста.

Ҳамасола баста ду даст аз бадӣ,
Ҳамарӯза ҷуста раҳи эзадӣ.

Чунон дон, ки бар кас намонад ҷаҳон,
Яке боядат ошкору ниҳон.

Бар ин панди ман бошу магзар аз ин,
Ба ҷуз бар раҳи рост маспар замин,[3]

Ки ман дар дил эдун[4] гумонам ҳаме,
Ки ояд ба тангӣ замонам ҳаме.

Ду фарзандро кард падруду гуфт,
Ки ин пандҳоро набояд нуҳуфт».

Баромад зи даргоҳи Зобул дарой[5]
Зи пилон хурӯшидани каррной.

Забон чарбгӯю[6] дил озармҷӯй
Сипаҳбад сӯи бохтар кард рӯй.

Бирафтанд бо ӯ ду фарзанди ӯй,
Пур аз об рух, дил пур аз панди ӯй.

Се манзил бирафтанду гаштанд боз,
Кашид он сипаҳбад ба роҳи дароз.

---

1. ТПЗ – Мижа кард Соми Наримон пуроб,
Ки умраш ба зардӣ расонд офтоб.
2. Л-ба ҷуз.
3. Л-б. 1805 нест.
4. Л-акнун.
5. Л-Ҳамон гаҳ баромад зи пардасарой.
6. Л-гармгӯю; И-пандгӯю

www.sattor.com

В-аз он рӯй Золи сипаҳбад зи роҳ
Сӯи Систон бурд боз он сипоҳ.[1]

Шабу рӯз бо Рустами шермард
Ҳаме кард шодӣ, ҳаме бода х(в)ард.

КУШТАНИ РУСТАМ ПИЛИ САПЕДРО

Чунон буд, ки як рӯз бо дӯстон
Ҳаме бода хӯрданд дар бӯстон.

Хурӯшанда гашта дили зеру бам,
Шуда шодмон номдорон ба ҳам.

Маи лаългунро ба ҷоми булӯр
Бихӯрданд, то дар сар афтод шӯр.

Чунин гуфт фарзандро Золи Зар,
Ки «Эй номвар, пури хуршедфар,

Далерон-тро хилъату ёра соз,
Касоне[2] ки бошанд гарданфароз.»[3]

Бубахшид Рустам зару хоста,
Басе тозиаспони[4] ороста.

В-аз он пас пароканда гашт[5] анҷуман,
Басе хоста ёфта тан ба тан.

Сипаҳбад ба сӯи шабистони хеш
Биёмад бар он сон, ки буд расму кеш,

Таҳамтан ҳам эдун сараш пуршароб
Биёмад гурозон сӯи ҷои хоб.

---

1. ТПЗИ - Чунон ҳам ки буду ба оини разм,
Чунон чун бувад дархури сози базм*.
* И – шаҳбозам.
2. ИЛ—касеро.
3. ТПЗ- Чу бишнид Рустам зи боб ин сухан,
Бад-он номдорон, ки буд анҷуман.
4. ИЛ-Зи хубону аспони.
5. И-шуд.

www.sattor.com

Бихуфту ба хоб андаромад сараш,
Баромад хурӯшидане аз дараш,

Ки пили сапеди сипаҳбад зи банд
Раҳо гашту омад ба мардум газанд.[1]

Чу з-он гуна гуфтораш омад ба гӯш,
Далериву тундӣ дар ӯ кард ҷӯш.

Давон гашту гурзи ниё баргирифт,
Бурун омаданро раҳ андаргирифт.

Касоне, ки буданд бар даргаҳаш,
Ҳаме баста карданд бар вай раҳаш,[2]

Ки аз бими испаҳбади номвар
Чӣ гуна кушоем пеши ту дар?

Шаби тираву пили ҷаста зи банд,
Ту берун шавӣ, кай бувад ин писанд?

Таҳамтан шуд ошуфта аз гуфтанаш,
Яке мушт зад бар сару гарданаш.

Бар он сон, ки шуд сар-ш монанди гӯй,
Сӯи дигарон андаровард рӯй.

Рамиданд аз он паҳлави номвар,
Диловар биёмад ба наздики дар.

Бизад гурзу бишкаст занҷиру банд,
Чунон чун[3] аз он номвар буд писанд.

---

1. Л-пас аз б. 1825 ин б. омада:
   Дару кӯю барзан ба ҷӯш омадаст,
   Зи мастӣ чунин сахткӯш омадаст.
   Таҳамтан зи хоб андаромад чу бод,
   Зи мардум бипурсиду карданд ёд.
2. ТПЗ - Чу солори парда сипаҳбад бидид,
   Раҳо карданаш ҳеч гуна надид.
3. ИЛ-захм.

www.sattor.com

1835 Бурун омад аз дар ба кирдори бод,
Ба гардан - бараш гурзу сар пур зи дод.[1]

Ҳаме рафт тозон сӯи жандипил
Хурӯшанда монанди дарёи Нил.

Нигаҳ кард, кӯҳе хурӯшанда дид,
Замин зери ӯ деги[2] ҷӯшанда дид.

Рамон дид аз ӯ номдорони хеш,
Бар он сон, ки бинад рухи гург меш.

Таҳамтан яке наъра зад ҳамчу шер,
Натарсиду омад бари ӯ далер.

1840 Чу пили дамида мар ӯро бидид,
Ба кирдори кӯҳе бари ӯ давид.[3]

Баровард хартум пили жиён
Бад-он, то ба Рустам расонад зиён.

Таҳамтан яке гурз зад бар сараш,
Ки хам гашт болои куҳпайкараш.

Биларзид бар худ кӯҳи Бесутун,
Ба захме бияфтод хору забун.

Бияфтод пили даманда зи пой,
Таҳамтан биёмад сабук боз ҷой.

1845 Бихуфту чу хуршед аз ховарон
Баромад ба сони рухи дилбарон.

Ба Зол огаҳӣ шуд, ки Рустам чӣ кард,
Зи пили даманда баровард гард.

Ба як гурз бишкаст гардан-шро,
Ба хок - андар афканд мар тан-шро.

1. ИЛ-Ба даст - андараш гурзу сар пур зи бод.
2. ИЛ-пок.
3. И-б. 1840 нест.

www.sattor.com

Сипаҳбад чу бишнид з-ин сон сухун,
Ки чун буд кирдор з-оғозу бун.[1]

Бигуфто: Дареғ аз чунон[2] жандапил,
Ки буди хурӯшон чу дарёи Нил.

Басо рамзгоҳо, ки он пили маст
Ба ҳамла сипаҳ пок барҳам шикаст.

Агарчи ки[3] дар разм пирӯзгар
Буди, беҳ аз ӯ Рустами Золи Зар.[4]

Бифармуд, то Рустам омад бараш,
Бибӯсид бо даст ёлу сараш.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй баччаи наррашер,
Бароварда чанголу гашта далер,

Бад-ин кӯдаки нест ҳамтои ту
Ба фарру ба мардиву болои ту.

Кунун пештар з-он ки овози ту
Барояд в-аз он бигсилад сози[5] ту,

Ба хуни Наримон[6] миёнро бибанд,
Бирав тозиён то ба кӯҳи Сипанд.[7]

Ҳисоре бубини сар андар саҳоб,
Ки бар вай напаррид паррон уқоб.

Чаҳор аст фарсанг болои ӯ,
Ҳам эдун чаҳор аст паҳнои ӯ.

Пур аз сабзаву обу динору зар,
Басе андар ӯ мардуму ҷонвар.

---

1. Л-б. 1847, 1848 нест.
2. Л-дареғо.
3. ИЛ-Агар чанд.
4. Л-Аз ӯ беҳ буди Рустами номвар.
5. Л-рози.
6. И-хӯи бузургон.
7. ТПЗ - Ҳисоре зи сангест болои кӯҳ,
Пур аз сабзаву обу дур аз гурӯҳ.

www.sattor.com

Дарахтони бисёру бо киштварз,
Касе худ надидаст аз ин гуна марз.[1]

Зи ҳар пешакору зи ҳар мевадор
Дар ӯ офаридаст парвардгор.

Яке роҳ бар вай даре сохтанд,
Ба сони сипеҳре барафрохтанд.

Наримон, ки гӯй аз далерон бибурд,
Ба фармони шоҳ Офаридуни гурд

Ба сӯи Ҳисор андаровард[2] пой,
Дар он роҳ аз ӯ гашт пардахта ҷой,

Шабу рӯз будӣ ба разм - андарун,
Ҳам эдун гаҳе чора, гоҳе фусун.[3]

Бимонд андар он разм соле фузун,
Сипаҳ андаруну сипаҳбад бурун.[4]

Саранҷом санге бияндохтанд,
Ҷаҳонро зи паҳлав бипардохтанд.

Сипаҳ бе сипаҳдор гаштанд боз
Ба наздикии[5] шоҳи гарданфароз.

Чу огоҳӣ омад ба Соми далер,
Ки шери диловар шуд аз разм[6] сер,

Хурӯшиду бисёр зорӣ намуд,
Ҳаме ҳар замон нолае барфузуд,

1. ИЛ-Яке кӯҳ бинӣ.
2. Л-Ҳисораш даровард.
3. И-б. 1865 нест.
4. Л-1866 нест.
5. ИЛ-Ҳазимат бари.
6. Л-беша.

www.sattor.com

Ба як[1] ҳафта мебуд[2] бо сӯгу дард,
Сари [3] ҳафта паҳлав сипаҳ гирд кард.

Ба сӯи ҳисори диж андаркашид,
Биёбону бераҳ[4] сипаҳ густарид[5]

Нишаст андар он ҷо басе солу моҳ,
Сӯи бораи диж надонист роҳ.

Зи дарвозаи диж яке тан бурун
Наёмад, ҳам эдун[6] нарафт[7] андарун,

Ки ҳоҷат набуд-шон ба як парри[8] коҳ,
Агарчи ки раҳ баста шуд[9] солу моҳ.

Саранҷом навмед баргашт Сом,
Зи хуни падар норасида ба ком.

Туро, эй писар, гоҳ омад кунун,
Ки созӣ яке чорае пурфусун.

Равӣ шоддил бо яке корвон,
Бад-он сон, ки нашносадат дидбон.

Тани худ ба кӯҳи Сипанд афканӣ,
Буну[10] бехи он бадрагон барканӣ,

Ки акнун надонад касе номи ту,
Зи рафтан бароядмагар коми ту.

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Фармон кунам,
Мар ин дардро зуд дармон кунам.»

1. ИЛ-яке.
2. Л-буданд.
3. И-Паси.
4. Л-бора.
5. И-Ба поёни бора сипаҳ баркашид.
6. Л-буруну.
7. Л-Нашуд.
8. И-барги.
9. ИЛ-Агарчанд дар баста буд
10. Л-Тану; И-Бару.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт Зол: «Эй писар, ҳуш дор,[1]
Ҳар он ч-ат бигӯям, зи ман гӯш дор.[2]

Баророй тан чун тани сорвон,
Шутур хоҳ аз дашт як корвон.

Ба пушти шутур-бар[3] намак дору бас,
Чунон рав, ки нашносадат ҳеч кас,

Ки бори намак ҳаст он ҷо азиз,
Ба қимат аз он беҳ надоранд чиз.

Чу бошад ҳисори гарон бар дараш,
Бувад бе намакшон хуру парвариш.

Чу бинанд бори намак ногаҳон,
Пазира давандат[4] кеҳону меҳон.»[5]

РАФТАНИ РУСТАМ БА КӮҲИ СИПАНД

Чу бишнид Рустам, баророст кор,
Бар он сон, ки буд дархури корзор.

Ба бори намак-дар ниҳон кард гурз,
Барафрохта паҳлавон ёлу бурз.

Зи хешон тане чанд бо худ[6] бибурд
Касоне, ки буданд ҳушёру[7] гурд.

Ба бори шутур-дар силеҳи гавон[8]
Ниҳон кард он номвар паҳлавон.

1. ИЛ-гӯшгир.
2. ИЛ-дарпазир.
3. ИЛ-Ба бори шутур дар
4. Л-барандат.
5. И-б. 1886 нест.
6. Л-басе паҳлавонон.
7. И-бедору.
8. Л-салоҳи гарон.

www.sattor.com

Лаб аз чораи хеш дар ханд-ханд,
Чунин тозиён то ба[1] кӯҳи Сипанд[2]

Расиду зи кӯҳ дидбонаш бидид,
Ба наздики солори меҳтар давид.

Чунин гуфт, к-«Омад яке корвон,
Ба пеш - андарунанд бас сорвон.[3]

Гумонам, ки бошад намак борашон,
Агар пурсадам меҳтар аз корашон.»

Фиристод меҳтар якеро дамон[4]
Ба наздикии меҳтари[5] корвон.

Бад-ӯ гуфт: «Бингар, ки то чист бор,
Биёву маро огаҳӣ деҳ зи кор».

Фуруд омад аз диж фиристода мард,
Бари Рустам омад ба кирдори гард.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй меҳтари корвон,
Маро огаҳӣ деҳ зи бори ниҳон.

Бад-он то ба наздики меҳтар шавем,
Бигӯему гуфтори ӯ бишнавем.»

Ба посух чунин гуфт Рустам бад-ӯй,
Ки «Рав назди он меҳтари номҷӯй,

Ҳамин гӯяш аз гуфтаҳо як ба як,
Ки дар борамон аст яксар намак.»

Фиристода баргашту омад фароз
Ба наздики он меҳтари сарфароз.

---

1. И-то ба наздики.
2. Л - Биёмад бад-ин сон ба кӯҳи Сипанд
Ҷаҳонпаҳлавон Рустами зӯрманд.
3. И-Ба наздики он меҳтари кордон.
4. И-яке кордон.
5. И-Ба наздики солори он.

www.sattor.com

«Яке корвон аст,-гуфто,-тамом,
Намак бор доранд, эй некном.»

Чу бишнид меҳтар, баромад зи ҷой,
Лабаш гашт хандону шодифизой.

Бифармуд, то дар кушоданд боз,
Бад-он то шавад корвон бар фароз.

Чу огоҳ шуд Рустами ҷангҷӯй,
Зи пастӣ ба боло ниҳоданд рӯй.

Чу омад ба наздики дарвоза танг,
Пазира шудандаш ҳама бедиранг.

Чу Рустам ба наздики меҳтар расид,
Замин бӯс кард, офарин густарид.

Зи бори намак бурд пешаш басе,
Ҳаме офарин хонд бар ҳар касе.

Бад-ӯ гуфт меҳтар, ки «Ҷовид бош,
Чу тобанда моҳу чу хуршед бош!

Пазируфтаму низ дорам сипос,
Аё некдил пури яздоншинос»![1]

Даромад ба бозор марди ҷавон,
Биёвард бо хештан корвон.

Зи ҳар сӯ бар ӯ гирд шуд анҷуман,
Чи аз хурдкӯдак, чи аз марду[2] зан.

Яке дод ҷома, яке зарру сим
Хариданду бурданд бетарсу бим.

Чу шаб тира шуд, Рустами тезчанг
Баророст бо номдорон ба ҷанг.

1. Л-Аё некдил марди некишинос.
2. Л – Кӯдакону чи марду чи.

www.sattor.com

Сӯи меҳтари бора овард рӯй,
Паси ӯ далерони пархошҷӯй.

Чу огоҳ шуд кӯтволи ҳисор,
Баровехт бо Рустами номдор.

Таҳамтан яке гурз зад бар сараш,
Ба зери замин шуд, ту гуфтӣ, бараш.

Ҳама мардуми диж хабар ёфтанд,
Сӯи разми бадхоҳ биштофтанд.

Шаби тираву теғ рахшон шуда,
Замин ҳамчу лаъли Бадахшон шуда.

Зи бас дору гиру зи бас мавҷи хун,
Ту гуфтӣ, шафақ з-осмон шуд нагун.

Таҳамтан ба теғу ба гурзу каманд
Сарони далерон саросар биканд.

Чу хуршед аз парда боло гирифт,
Ҷаҳон аз саро то сурайё гирифт.

Ба диж-дар яке тан набуд, з-он гурӯҳ,
Чи кушта, чи аз захм гашта сутӯҳ.

Далерон ба ҳар гӯша биштофтанд,
Бикуштанд, мар ҳар киро ёфтанд.

Таҳамтан яке хона аз хорасанг
Баровардa дид андар он ҷои танг.

Яке дар зи оҳан бар ӯ сохта,
Муҳандис бар он гуна пардохта.

Пас он гаҳ сӯи хона бигзорд пой.
Бизад гурзу бифканд дарро зи ҷой,

Яке гунбаде дид афрошта.
Ба динор сар то сар анбошта.

www.sattor.com

Фурӯ монд Рустам, чу з-он гуна дид,
Зи роҳи шигифтӣ лаб андаргазид.

Чунин гуфт бо номвар саркашон,
К-«Аз ин гуна ҳаргиз кӣ дорад нишон?

Ҳамоно ба кон - андарун зар намонд,
Ба дарё - дарун низ гавҳар намонд,

Ки эдун ҳамеша зар овардаанд,
Бад-ин ҷойгаҳ - дар бигустардаанд.[1]»

ФИРӮЗИНОМА НАВИШТАНИ РУСТАМ БА ЗОЛ

Яке нома бинвишт назди падар
Зи кору зи кирдори худ сар ба сар.

Нахуст офарин бар худованди ҳур,
Худованди мору худованди мӯр.

Худованди Ноҳиду Бахрому Меҳр,
Худованди ин баркашида сипеҳр.

В-аз ӯ офарин бар сипаҳдор Зол,
Яли зобулӣ паҳлави беҳамол.

Паноҳи гавон, пушти эрониён,
Фарозандаи*[2] ахтари ковиён.

Нишонандаи шоҳу ситонанда гоҳ,
Равон гашта фармон-ш чун ҳуру[3] моҳ.

---

1. ТПЗ - Чу бигрифт он бораи устувор
Яке базмгаҳ сохт чун навбаҳор.
2. М-Фурӯзанда.
3. Л-фармон-т бар мӯру;
ТПЗ - Сарафрозу гарданкашу пилтан,
Сазовори ҳар шаҳру ҳар анҷуман.
Худованди нерӯву фарзонагӣ,
Нигаҳдори гетӣ ба мардонагӣ.
Бимонод ҷовид он номвар,
Ҳамон тахту тоҷу кулоҳу камар.

www.sattor.com

Ба фармон расидам ба кӯҳи Сипанд,
Чӣ кӯҳе, ба сони сипеҳри баланд.

Ба поёни он кӯҳ фуруд омадам,
Ҳамон гаҳ зи меҳтар دуруд омадам.

Ба фармони меҳтар бароростам,
Баромад бар он сон, ки ман хостам,

Шаби тира бо номдорони ҷанг
Ба диж - дар якеро надодам[1] диранг.

Чи кушта, чи хаста, чи бигрехта,
Зи тан сози кина фурӯ рехта.

Ҳамоно, ки харвор понсад ҳазор
Бувад нуқраи хому зарри аёр.

Зи пӯшиданиву зи густарданӣ,
Зи ҳар чиз, к-он бошад овардани.

Ҳамоно шумораш надонад касе,
Зи моҳу зи рӯз ар шуморад басе.

Кунун то чӣ фармон диҳад паҳлавон,
Ки фархундапай[2] боду равшанравон.»

Фиристода омад чу боди дамон,
Расонид нома бари паҳлавон.

Сипаҳбад чу нома фурӯ хонд, гуфт,
Ки «Бо номвар офарин бод ҷуфт!»

Зи мужда чунон шод шуд паҳлавон,
Ту гуфтӣ, ки хоҳад шуд аз сар ҷавон.[3]

Яке посухи нома афканд бун,
Бад-ӯ-дар зи ҳар дар*[4] фаровон сухун.[5]

1. Л-Бурун рафтам, аз ҷо накардам.
2. ИЛ-Фархундатан.
3. Л-б. 1951, 1952 нест.
4. М – Бигуфт андар ӯ-дар.
5. Л-Набишта бар ӯ-дар.

www.sattor.com

Сари нома кард офарини Худой,
Дигар гуфт, к-«Он номаи дилкушой

Ба пирӯзбахтӣ фурӯ хондам
Зи шодӣ бар ӯ ҷон барафшондам.

Зи ту буд[1] шоиста чунин[2] набард,
Бад-ин кӯдакӣ коркарде чу мард.[3]

Равони Наримон барафрӯхтӣ,
Ҳама душманони варо сӯхтӣ.

Аз уштур ҳамоно ҳазорон ҳазор
Ба наздат фиристодам аз баҳри бор.

Чу нома бихонӣ, сабук барнишин,
Ки бе рӯи ту ҳастам андӯҳгин.

Шутур бор кун, з-он чи бошад гузин,
Пас он гаҳ ба диж барзан оташ ба кин.»

Чу нома ба наздики Рустам[4] расид,
Фурӯ хонду з-ӯ шодмонӣ гузид.

Зи ҳар чиз, к-он буд шоистатар
Зи мӯҳру зи теғу кулоҳу камар,

Ҳам аз лӯлӯву гавҳари шоҳвор,
Ҳам аз дебаи Чин саросар нигор

Газиду фирситод зӣ паҳлавон,
Ҳаме шуд ба роҳ-андарун корвон.

Ба кӯҳи Сипанд - андар оташ фиканд,
Ки дудаш баромад ба чархи баланд.

В-аз он ҷой баргашт дил шодмон,
Ҳаме шуд ба раҳ-бар чу боди дамон.[5]

1. Л-пури.
2. И - хуб он.
3. И-Туро офарин, эй хашинормард.
4. ИЛ – Таҳамтан.
5. Л-Ниҳода сари хеш зӣ паҳлавон.

www.sattor.com

Чу огоҳ шуд паҳлави Нимрӯз,
Ки омад сипаҳдори гетифурӯз,

Пазира шуданро биёростанд,
Ҳама кӯю барзан бипеđростанд.

Баромад хурӯшидани каррной,
Ҳамон санҷ бо бӯқу ҳиндидарой.[1]

Ва-з он ҷо ба айвони Дастони Сом
Биёмад сипаҳдори ҷӯяндаком.

Ба наздики Рӯдоба омад писар,
Ба хидмат ниҳод аз бари хок сар.

Бибӯсид модар ду ёлу бараш,
Ҳаме офарин хонд бар пайкараш.

Сипаҳдор фарзандро дар канор
Гирифту бифармуд кардан нисор.

НОМАИ ЗОЛ БА СОМ

Ба мужда ба наздики Соми савор
Фиристод нома яли номдор.

Ба нома - дарун сар ба сар неку бад[2]
Намудаш бар он паҳлави пурхирад.[3]

Фиристод бо нома ҳадя басе,
Ба назди сипаҳдор кардаш гусӣ.

Чу нома бари Соми Найрам расид,
Зи шодӣ рухаш ҳамчу[4] гул бишкуфид.

1. ТПЗЛИ- Ҳаме шуд ба роҳ - андарун Золи Зар,
Шитобон ба дидори фаррухписар.
Таҳамтан чу рӯи сипаҳбад бидид,
Фуруд омаду офарин густарид.
2. Л-ёд кард.
3. Л-Зи кирдори он баччаи шермард.
4. Л-дили ӯ чу.

www.sattor.com

Биёрост базме чу хуррам баҳор
Зи бас шодмонӣ гави номдор.

Фиристодаро хилъату ёра дод,
Зи Рустам басе достон кард ёд.

Набишт он гаҳе посухи нома боз
Ба наздики фарзанди гарданфароз.

Ба нома - дарун гуфт, к-«Аз наррашер
Набошад шигифтӣ, ки[1] бошад далер.

Ҳамон баччаи шери нохӯрдашир
Ситонад ҳаме мӯбаде тезвир.

Мар ӯро дарорад миёни гурӯҳ,
Чу дандон барорад, шавад з-ӯ[2] сутӯҳ.

Абе он ки дидаст пистони мом,
Ба хӯи падар бозгардад тамом.

Аҷаб нест аз Рустами номвар,[3]
Ки дорад далерӣ чу Достон-падар,[4]

Ба[5] ҳангоми гурдиву кундоварӣ[6]
Ҳаме шер хоҳад аз ӯ ёварӣ».[7]

Чу нома ба мӯҳр андаровард гурд,
Фиристодаро ҳонду ӯро супурд.

Фиристода омад бари Золи Зар
Або хилъату номаи номвар.

Аз ӯ шодмон шуд дили паҳлавон,
Зи кирдори он[8] наврасида ҷавон.

---

1. Л-чу.
2. ИЛмӯбади.
3. Л-з-он.
4. Л-номдор.
5. Л-Ки дорад падар ҳамчу Золу савор.
6. Л-Ки.
7. Л-киноварӣ.
8. Л-фаррухпаи.

www.sattor.com

Ҷаҳон з-ӯ пуруммед шуд яксара
Зи рӯи замин то ба бурҷи бара.

Кунун аз Манучеҳр гӯям сухан,
В-аз он шоҳи пурмеҳр ҷӯям сухан.

Чӣ андарз кардаш писарро, нигар,
Ба ҳангоми рафтан шаҳи додгар.[1]

АНДАРЗ КАРДАНИ МАНУЧЕҲР ПИСАРАШРО

Чу соли Манучеҳр[2] шуд бар ду шаст,
Зи гетӣ ҳаме бори рафтан бибаст.

Ситорашиносон бари ӯ шуданд,
Ҳаме з-осмон достонҳо заданд.

Надиданд рӯзаш кашидан дароз,
Зи гетӣ ҳаме гашт боист боз.

Бидоданд з-он рӯзи талх огаҳӣ,
Ки «Тира шавад фарри шоҳаншаҳӣ.

Гаҳи рафтан омад ба дигар сарой,
Магар пеши Яздон беҳ ояд-т ҷой.

Нигар, то чӣ бояд кунун сохтан,
Набояд, ки марг оварад тохтан.

Ту нософта, сози рафтан кунӣ,
Танат зери гил дар нуҳуфтан кунӣ.[3]

Сухан чун зи донанда бишнид шоҳ,
Ба расми дигаргун биёрост гоҳ.

Ҳама мӯбадону радонро бихонд,
Ҳама рози дил пеши эшон биронд.

---

1. Лб. 191, 192 нест.
2. ИЛ-Манучеҳрро сол.
3. Л-б. 2000 нест.

www.sattor.com

Бифармуд, то Нӯзар омад ба пеш,
Варо пандҳо дод з-андеша беш,

Ки «Ин тахти[1] шоҳӣ фусӯс асту бод,
Бад-ӯ ҷовидон дил набояд ниҳод.

Маро бар саду бист шуд солиён,
Ба ранҷу ба сахтӣ бубастам миён.

Басе шодиву коми дил рондам,
Ба разм - андарун душманон хондам.

Ба фарри Фаридун бибастам миён,
Ба пандаш маро суд шуд ҳар зиён.

Биҷустам зи Туру зи Салми сутург
Ҳамон кини Эраҷ ниёи бузург.

Ҷаҳон вижа кардам зи патёраҳо
Басе шаҳр кардам, басе бораҳо.[2]

Чунонам, ки гӯӣ, надидам ҷаҳон,
Шумори гузашта шуд андар ниҳон.

Дарахте, ки талх оварад[3] бору барг,
Наярзад ҳаме зиндагониш марг.

В-аз он пас, ки бурдам басе дарду ранҷ,
Супурдам туро тахти шоҳиву ганҷ.

Чунон чун Фаридун маро дода буд,
Туро додам ин тоҷи шоҳозмуд.[4]

Чунон дон, ки хурдиву бар ту гузашт,
Ба хуштар замон боз бояд-т[5] гашт.

1. И-тоҷи.
2. Л-б. 2006, 2009 нест.
3. Л – заҳраш бувад.
4. Л-б. 2013 нест.
5. И-ояд-т.

www.sattor.com

Нишоне, ки монад ҳаме аз ту боз,
Бароядд бар он рӯзгори дароз.

Набояд, ки монад ба ҷуз офарин,
Ки покинажод оварад пок дин.

Нигар, то напечӣ[1] зи дини Худой,
Ки дини Худой оварад пок рой.[2]

Кунун нав шавад дар ҷаҳон доварӣ,
Чу мӯбад биёяд ба пайғамбарӣ.

Падидояд он кас зи ховарзамин,
Нигар, то натозӣ бари ӯ ба кин.[3]

Бад-ӯ биграв, он дини Яздон бувад,
Нигаҳ кун зи сар, то чӣ паймон[4] бувад.

Ту магзор ҳаргиз раҳи эзадӣ,
Ки некӣ аз ӯясту ҳам з-ӯ бадӣ.

В-аз он пас зи туркон биёяд сипоҳ,
Ниҳанд аз бари тахти Эрон кулоҳ.[5]

Туро корҳои дурушт аст пеш,
Гаҳе гург бояд будан, гоҳ меш,

Газанди ту ояд зи пури Пашанг,
Зи Турон шавад корҳо бар ту танг.

Бичӯй, эй писар, чун шавад доварӣ,
Зи Золу зи Сом он гаҳе ёварӣ.

В-аз ин нав дарахте, ки аз бехи Зол
Баромад, кунун баркашад шоху ёл.

1. И-натобӣ.
2. Л-б. 2017 нест.
3. Л-б. 2019 нест.
4. Л-фармон.
5. ТПЗИ - Замона шавад пур зи ошӯбу шӯр,
Чунин гашт хоҳад зад аз чарх хур.

www.sattor.com

Аз ӯ шаҳри Турон шавад пайсипар,
Ба кини ту ояд ҳамон кинавар».[1]

Бигуфту фуруд омад обаш ба рӯй,
Ҳаме зор бигрист Нӯзар бар ӯй.

Абе он ки буд ҳеч беморие,
На аз дардҳо ҳеч озорие[2],

Ду чашми каёнӣ ба ҳам барниҳод
Бипажмурду барзад яке сард бод.

Шуд он номвар пурҳунар шаҳрёр,
Ба гетӣ сухан монд аз ӯ ёдгор.[3]

НӮЗАР

Подшоҳии ӯ ҳафт сол буд

БАР ТАХТ НИШАСТАНИ НӮЗАР

Чу сӯги падар шоҳ Нӯзар бидошт,
Зи кайҳон кулоҳи каӣ[4] барфарошт.[5]

---

1. Л-б. 2024-2027 нест.
2. Л-б. 2029 нест.
3. ТПЗ - Яке панд гӯям туро аз нахуст,
Дил аз меҳри гетӣ бибояд-т шуст,
Ҷаҳон киштзорест борангу бӯй,
Дарав маргу умр обу мо кишти ӯй,
Чунон чун даравраст ҳамвора кишт,
Ҳама маргроем мо, хубу зишт.
Ба ҷоему ҳамвора тозон ба роҳ
Бад-ин ду наванда сапеду сиёҳ,
Чунон корвоне к-аз ин шаҳр-бар,
Бувад-шон гузар сӯи шаҳри дигар.
Яке пешу дигар зи пас монда боз,
Ба навбат расида ба манзил фароз.
Биё, то надорем дилро ба ранҷ,
Ки бо кас насозад сарои сипанҷ.
Кунун подшоҳии Нӯзар бигӯй,
К-аш аз рӯзгорон чӣ омад ба рӯй?
4. И-меҳӣ
5. ТПЗ - Ситорашумор ахтаронро бидид,
Яке рӯи беҳтар чунон чун сазид.

www.sattor.com

Ба тахти Манучеҳр-бар бор дод,
Сипаҳро дирам доду[1] динор дод.

Бузургони Эрон бари тахти ӯй
Ниҳоданд як-як абар хок рӯй,[2]

Ки «Мо, шаҳрёро, ҳама бандаем,
Дилу дида аз меҳрат огандаем.»[3]

Бар ин-бар наёмад басе рӯзгор,
Ки бедодгар шуд дили[4] шаҳрёр.

Ба гетӣ баромад зи ҳар ҷой ғав,
Ҷаҳонро куҳан шуд сар аз шоҳи нав,

Ки ӯ[5] расмҳои падар дарнавашт,
Або мӯбадону радон тунд[6] гашт.

Раҳи мардумӣ назди ӯ хор шуд,
Дилаш бандаи ганҷу динор шуд.[7]

Кадевар якояк сипоҳӣ шуданд,
Далерон пуровози[8] шоҳӣ шуданд.

Чу аз рӯи кишвар баромад хурӯш,
Ҷаҳоне саросар баромад ба ҷӯш.

---

1. Л-Бихонд анҷуманрову.
2. ТПЗ - В-аз он пас ду маҳ ӯ бар он баргузошт,
   Ки як рӯз бепарда даргаҳ надошт.
   Набурд ӯ ба доду диҳиш ҳеч роҳ,
   Ҳама хурду хуфтан будӣ кори шоҳ*.

   * «Дар «З» ин ду байт пас аз б. 4 омада, ки муносибтар ба назар меояд.
3. ИЛ-б. 4 нест.
4. ИЛ-сари; И-пас аз Б. 5 ин б. омада.
   Чу бигзашт аз шоҳияш ҳафт сол,
   Шикаст андаромад бар он беҳамол.
5. И-Ҳамон; Л-Чу ӯ.
6. Л-тез.
7. ТПЗ- Ба деҳқони бечора сар дарниҳод,
   К-аз он кишвараш рӯ ба дигар ниҳод.
8. Л-сазовори.

www.sattor.com

Битарсид бедодгар шаҳрёр,
Фиристод нома ба[1] Соми савор.

Ба Сагсори Мозандарон буд[2] Сом,
Нахуст аз ҷаҳонофарин бурд ном.

Худованди Ноҳиду Баҳрому Ҳур,
Ки ҳаст офаринандаи пилу мур.[3]

На душворӣ аз чиз, бартар маниш,
На осонӣ аз андак андар бавиш.

Ҳама бо тавоноии ӯ якест,
Бузург аст бисёру ё андакест.

Кунун аз худованди Хуршеду Моҳ
Дуруде ба ҷони Манучеҳршоҳ,

К-аз ӯ гашт рахшанда фаррухкулоҳ,
Ҳам аз вай ба ман инчунин пешгоҳ.[4]

Абар Соми ял бод чандон дуруд,
Ки орад ҳаме абр борон фуруд.[5]

Мар он паҳлавони ҷаҳондидаро,
Сарафроз гурди писандидаро

Ҳамеша дилу ҳуш обод бод,
Равонаш зи ҳар дард озод бод![6]

Шиносад магар паҳлавони ҷаҳон
Суханҳо ҳама ошкору ниҳон,[7]

1. ИЛ-кас назди
2. Л-Набишта фиристод наздики.
3. Л-Паи аз б. 13 ин б. омада:
   Худованди аҳлу худованди ҷон,
   Худованди гарданда ҳафт осмон.
4. Л-б. 17 нест.
5. И-б. 17, 18 нест.
6. Л-б. 20 нест.
7. И-б. 20, 21 нест.

www.sattor.com

Ки то шоҳ мижгон ба ҳам барниҳод,
Зи Соми Наримон ҳаме кард ёд.

Ҳам эдар маро пуштгармӣ бад-ӯст,
Ки ҳам паҳлавон асту ҳам шоҳдӯст.

Нигаҳбони кишвар ба ҳангоми шоҳ,
В-аз ӯ гашт рахшанда тахту кулоҳ.

Кунун подшоҳӣ пурошӯб гашт,
Суханҳо аз андоза андар гузашт.

Агар барнагирӣ ту он[1] гурзи кин,
Аз ин тахт пардахта монад замин.

Чу нома бари Соми Найрам расид,
Яке боди[2] сард аз ҷигар баркашид.

Ба шабгир ҳангоми бонги хурӯс
Зи даргоҳ бархост овои[3] кӯс.

Яке лашкаре ронд аз Гургсор,
Ки дарёи сабз андар ӯ гашт хор.[4]

Чу наздики Эрон расид он сипоҳ,
Пазира шудандаш бузургон ба роҳ.

Пиёда ҳама пеши Соми далер
Бирафтанду гуфтанд ҳар гуна дер.[5]

Зи кирдори Нӯзар бигуфтанд чанд
Або номвар паҳлавони баланд.[6]

---

1. Л-барнагирад ҳаме.
2. И-оҳи.
3. Л-Баромад хурӯшидани ною.
4. Л-пас аз б. 29 б. омада:
   Чу эрониён огаҳӣ ёфтанд.
   Сӯи паҳлавон Сом биштофтанд.
5. И-б. 30, 31 нест.
6. ИЛ-б. 30 нест;
   ТПЗ Зи Нӯзар ҳаме гуфт ҳар кас ба Сом,
   Ки «Баргашт аз роҳи некӣ тамом.»

www.sattor.com

Зи бедодии Нӯзари тоҷвар,
Ки «Бар хира гум кард роҳи падар.[1]

Ҷаҳон гашт вайрон зи кирдори ӯй,
Ғунуда шуд он бахти бедори ӯй.

Нагардад ҳаме бар раҳи бихрадӣ,
Аз ӯ дур шуд фарраи эзадӣ.

Чӣ бошад, агар Соми ял паҳлавон
Нишинад бар ин тахт равшанравон.

Ҷаҳон гардад обод аз бахти ӯй,[2]
Мар ӯрост Эрону он тахти ӯй.[3]

Ҳама*[4] банда бошему фармон кунем,
Равонро ба меҳраш гаравгон кунем.»

Бад-эшон чунин гуфт Соми савор,
Ки «Ин кай писандад зи мо кирдгор,

Ки чун Нӯзари аз нажоди каён
Ба тахти каӣ-бар камар бар миён,

Ба шоҳӣ маро тоҷ[5] бояд бисуд,
Муҳол аст ин, кас наёрад шунуд.

Худ ин гуфт ёрад касе дар ҷаҳон,
Чунин заҳра дорад касе аз меҳон?

Агар духтаре аз Манучеҳршоҳ
Бар ин[6] тахти заррин будӣ[7] бокулоҳ,

---

1. И - Ки, эй паҳлавони ҷаҳон сар ба сар,
Нигаҳ кун, яке кори Нӯзар нигар.
2. Л-доди.
3. Л-ба бунёди.
4. М-Ҳамон.
5. Л-тахт.
6. Л-Бар он.
7. Л-шуди.

www.sattor.com

Набудӣ ба ҷуз[1] хок болини ман,
Бад-ӯ шод гаштӣ[2] ҷаҳонбини ман[3]

Дилаш гар зи роҳи падар гашт боз,
Бар ин барнаёмад замони дароз.

Ҳанӯз оҳане нест зангорх(в)ард,
Ки рахшанда душвор шояд-ш кард.

Ман он эзадӣ фарра боз оварам,
Ҷаҳонро ба меҳраш ниёз оварам,

Ки хоки[4] Манучеҳр гоҳи ман аст,
Паи аспи Нӯзар кулоҳи ман аст.

Бигӯем бисёру пандаш диҳем,
Ба панд ахтари судмандаш диҳем.[5]

Шумо з-ин гузашта пушаймон шавед,
Ба наввӣ дигар бозпаймон шавед.

Гар омурзиш аз[6] кирдгори сипеҳр
Наёбеду аз Нӯзари шоҳ меҳр.

Бад-ин гетӣ андар бувад хашми шоҳ,
Ба баргаштан оташ бувад ҷойгоҳ.»

Бузургон зи гуфта пушаймон шуданд,
Ба наввӣ дигар[7] бозпаймон шуданд.

Ба фаррух паи номвар паҳлавон,*[8]
Ҷаҳон шуд ба наввӣ саросар ҷавон.[9]

---

1. Л-ба пешаш будӣ.
2. Л-в-аз ӯ шод гашта.
3. Л - Набудӣ ба чуз бандагӣ пешаам,
   Зи шоҳӣ набудӣ худ андешаам.
4. И-ҷои.
5. Л-б. 48, 49 нест; И-б. 49 нест.
6. ИЛ-К-аз омурзиши
7. Л-Яко-як зи ҳар.
8. М-паҳлавони ҷаҳон.
9. Л-пас аз б. 54 ин б. омада:
   Чу омад ба даргоҳ Соми савор,
   Пазира шудаш Нӯзари шаҳрёр.

www.sattor.com

Чу Сом андаромад ба наздики шоҳ,
Замин бӯс дод аз бари тахтгоҳ.

Сабук Нӯзар аз тахт омад фароз,
Сипаҳбад дар оғӯш бигрифт боз.

Аз он пас бари хеш биншохташ,
Бипурсиду бисёр бинвохташ.[1]

---

1. ТПЗ-
Биёварду бар тахти хешаш нишонд,
Басе офарини каёнӣ бихонд,
Сухан кард Нӯзар бар ӯ ошкор,
Ки лашкар чӣ карданду чун буд кор,
Ҷаҳонпаҳлавон гуфт, к-«Эй шаҳрёр,
Ҳамеша ҷаҳонро ба шодӣ гузор.
Агар шоҳ озурда гашт аз сипоҳ,
Бубахшой, ҳарчандашон буд гуноҳ.»
Сипаҳбуд бад-ӯ гуфт, к-«Эй шаҳрёр,
Туӣ аз Фаридун яке ёдгор,
Чунон бош дар подшоҳиву дод,
Ки ҳар кас ба некӣ кунад аз ту ёд.
Чунон дон, ки ҳар к-ӯ ҷаҳонро шинохт,
Дар ӯ ҷои ором будан насохт.
Ҳар он кас, ки дил бандад андар ҷаҳон,
Ҳушивор хонандаш аз аблаҳон.
Фароз оварад ганҷу ҳам хоста,
Муродаш ҳама гардад ороста.
Надонӣ шабехун ба сар бар-ш марг
Кунад, бар сараш барниҳад тари тарг.
Зи тахташ сӯи тирахок оварад,
Сару тоҷаш андар мағок оварад.
Бимонад дилаш бастаи ин сарой,
Хиромаш наёбад ба назди Худой,
Равонаш бимонад дар он тирагӣ.
Ҳама сол ҷонаш пур аз хирагӣ.
Хирадманд ранҷ андар он кай барад,
Ки бигзорад он ҷою худ бигзарад.
Бари марг дарвешу сар тоҷзар,
Яке буд хоҳад дар ин раҳгузар.
Чунон бош андар сипанҷӣ сарой,
Ки ранҷа нaбошӣ ба назди Худой.
Фаридун шуду з-ӯ раҳи дин бимонд
Ба Заҳҳоки бадбахт нафрин бимонд».
Чунон гуфт Нӯзар, ки «Эй номдор,
Ба гуфтори ту биспарам рӯзгор.
Пушаймонам аз кардаи хештан,
Аз ин пас навозиш кунам ман ба тан.

www.sattor.com

Ба даргаҳ яке базмгаҳ сохтанд,
Яке ҳафта бо руду май бохтанд.[1]

Ба пӯзиш ҳама пеши Нӯзар шуданд,
Саросар ба оини кеҳтар шуданд.[2]

Барафрӯхт Нӯзар зи тахти меҳӣ,
Нишаст андар ором бо фарраҳӣ.[3]

Ҷаҳонпаҳлавон пеши ӯ-бар ба пой,
Ба дастурии бозгаштан ба ҷой.[4]

Ба Нӯзар дари пандҳоро кушод,
Суханҳои некӯ бад-ӯ кард ёд.

Зи фаррух Фаридуну Ҳушангшоҳ
Ҳамон аз Манучеҳр-зебои гоҳ,

Ки гетӣ[5] ба доду диҳиш доштанд,
Ба бедод-бар чашм нагмоштанд.

Дили ӯ зи каҷӣ ба ҷой[6] оварид,
Чунон кард Нӯзар, ки ӯ рой дид.

Дили меҳтаронро бад-ӯ гарм[7] кард,
Ҳама доду бедоду[8] озарм кард.

Чу гуфта шуд ин гуфтаниҳо[9] ҳама
Ба гарданкашону ба шоҳи рама,[10]

---

1. Л-б. 55-58 нест.
2. Л-Ба ҷону ба дил вежа кеҳтар шуданд.
3. Л-б. 60 нест; И-б. 54-58, 60 нест.
4. Л-пас аз б. 61 ин б. омада:
   Баромад бар ин рӯзу хӯрданд май,
   Ба шодиву ромиш ниҳоданд пай.
   Бибуданд бо разму ромиш се рӯз,
   Чаҳорум чу бифрӯхт гетифурӯз.
5. Л-кайҳон.
6. Л-ба роҳ.
7. Л-нарм.
8. Л-бунёд.
9. Л-будониҳо.
10. И-б. 61-68 нест.

www.sattor.com

Бурун рафт бо хилъати нӯзарӣ,
Чи бо тоҷу бо тахту ангуштарӣ.

Ғуломону аспони зарринситом,
Пур аз гавҳари сурх заррин ду ҷом,

Бишуд Соми ял сӯи Мозандарон,
Набуд дашт пайдо карон то карон.[1]

Бар ин низ бигзашт чанде сипеҳр,
На бо Нӯзар ором[2] будаш, на меҳр.[3]

ОГОҲ ШУДАНИ ПАШАНГ АЗ МАРГИ МАНУЧЕҲР

Пас он гаҳ[4] зи марги Манучеҳршоҳ
Бишуд огаҳӣ то ба Туронсипоҳ.

В-аз он рафтани[5] кори Нӯзар ҳамон
Якояк бигуфтанд бо бадгумон.

Чу бишнид солори Турон-Пашанг,
Чунон хост, к-ояд ба Эрон ба ҷанг.

Басе ёд кард аз падар-Зодшам,
Ҳам аз Тур барзад яке тез дам.

Зи гоҳи Манучеҳру аз лашкараш,
Зи гурдону солору аз кишвараш.

Ҳама номдорони кишвар-шро
Бихонду бузургони лашкар-шро,

Чу Ағриру[6] Гарсивазу Бормон,
Чу Гулбоди ҷангӣ, ҳижабри жиён

1. ИЛ-б. 71 нест.
2. Л-озарм.
3. ТПЗЛ - Чу бигзашт аз шоҳияш* ҳафт сол,
Шикаст андаромад бад-он беҳамол.
* Л-Шоҳиш бор. ** Л-ба фаррухҳамол.
4. Л-В-аз он пас.
5. ИЛ-Зи норафтани.
6. ИЛ-Арзосп.

www.sattor.com

Сипаҳбад-ш чун Висаи тезчанг,
Ки солор буд бар сипоҳи Пашанг.

Ҷаҳонпаҳлавон пураш Афросиёб
Бихондаш ба наздику омад шитоб.[1]

Сухан ронд аз Туру аз Салму гуфт,
Ки «Кин зери доман нашояд нуҳуфт.

Сареро куҷо мағз ҷӯшида нест,
Бад ӯ бар чунон кор пӯшида нест.

Ки бо мо чӣ карданд эрониён,
Бадиро бибастанд яксар миён.[2]

Кунун рӯзи тезиву[3] кин ҷустан аст,
Рух аз хуни дида гаҳи шустан аст.

Чӣ гӯед акнун, чӣ посух диҳед?
Яке рои фаррух бад-ин барниҳед.»[4]

Зи гуфти падар мағзи Афросиёб
Биҷӯшиду омад сараш пуршитоб.[5]

Ба пеши падар шуд кушодазабон,
Дил оганда аз кин, камар бар миён,

Ки «Шоистаи ҷанги шерон манам,
Ҳамоварди солори Эрон манам.

Агар Зодшам теғ бардоштӣ,
Ҷаҳонро[6] чунин хор нагзоштӣ.

Миён ар бубастӣ ба киноварӣ,
Ба Эрон бикардӣ ҳаме сарварӣ.[7]

---

1. Л-б. 81 нест.
2. ТПЗ - Бихоҳам кунун кини Тури бузург,
Ҳамон шоҳи озода Салми сутург.
3. И-ҷанг асту.
4. ИЛ-б. 86 нест.
5. ИЛ-Баромад зи орому аз хӯрду хоб.
6. ИЛ-Ҷаҳоне.
7. Л-накардӣ касе доварӣ; И-накардӣ магар.

www.sattor.com

Кунун ҳарчӣ монида буд аз ниё,
Зи кин ҷустану ҷангу аз кимиё,

Кушодан-ш бар теғи тези ман аст,
Гаҳи шӯришу растахези ман аст».

Ба мағзи Пашанг андаромад шитоб,
Чу дид он саҳӣ қадди Афросиёб.

Бару бозуи шеру ҳам зӯри пил
В-аз ӯ соя афканда бар чанд мил.

Забонаш ба кирдори бурранда теғ,
Чу дарё дилу каф чу боранда меғ.

Бифармуд, то баркашад теғи ҷанг,
Ба Эрон шавад бо сипоҳи Пашанг.

Сипаҳбад чу шоиста бинад писар,
Сазад, гар барорад ба хуршед сар.

Пас аз марг бошад мар ӯро ба ҷой,
Ҳаме номи ӯро бидорад ба пой.[1]

Зи пеши Пашанг омад Афросиёб,
Диле пур зи кина, саре пуршитоб.

Дари ганҷи огандаро боз кард,
Сипаҳро ба бахшиш ҳама соз кард.[2]

Чу шуд сохта кори ҷангозмой,
Ба кох омад Ағрираси раҳнамой.

Ба пеши падар шуд пурандеша дил,
Ки андеша дорад ҳаме пеша дил.

Чунин гуфт, к-«Эй кордида[3] падар,
Зи туркон ба мардӣ бароварда сар,

1. ТПЗ - Чу ин гуфт, лашкар зи кишвар бихост,
Сипоҳе зи номоварон кард рост.
2. Л-б. 100, 101 нест.
3. И-Бад-ӯ гуфт, к-«Эй рӯздида.

www.sattor.com

Манучеҳр аз Эрон агар кам шудаст,
Сипаҳро саре[1] Соми Найрам шудаст.

Чу Кашводу[2] чун Қорани размзан
Ҷуз ин номдорони он анҷуман.[3]

Ту донӣ, ки бар Салму Тури сутург
Чӣ омад аз он теғзан пилгург.

Ниё Зодшам шоҳи туронсипоҳ,
Ки таркаш ҳаме суд бар чарху моҳ.

Аз ин дар сухан ҳеч гуна наронд,
Ба ором-бар номаи кин нахонд.

Агар мо нашӯрем, беҳтар бувад,
К-аз ин шӯриш ошӯби кишвар бувад.»

Чунин дод посух писарро Пашанг,
Ки «Афросиёб он диловар наҳанг

Яке наррашер аст рӯзи шикор,
Яке пили ҷангӣ гаҳи корзор.

Набера, ки кини ниёро наҷуст,
Сазад, гар нахонӣ нажодаш дуруст.

Туро низ бо ӯ бибояд шудан,
Ба ҳар бешу кам рои фаррух задан.

Чу аз домани абр чин кам шавад,
Биёбон зи борон пур аз нам шавад.

Чарогоҳи аспон шавад кӯҳу дашт,
Гиёҳо зи ёли ялон баргузашт.

Ҷаҳон сабз гардад саросар зи хед,[4]
Ба ҳомун саропарда бояд кашед.

---

1. Л-Паноҳи сипаҳ.
2. ИЛ-Гаршосп.
3. И – Чунин номдорони лашкаршикан.
4. И-чу бед.

www.sattor.com

Дили шод бар сабзаву гул баред,
Сипаҳро ҳама сӯи Омул баред.

Деҳистон бикӯбед дар[1] зери наъл,
Битозеду[2] аз хун кунед об лаъл.

Манучеҳр аз он ҷойгаҳ ҷангҷӯй
Ба кина сӯи Тур бинҳод рӯй.

Аз он ҷо сипоҳе чу абри сиёҳ
Биёмад бари мо бад-ин размгоҳ.

Шумо низ бояд, ки ҳам з-ин нишон
Бароред гард аз сари саркашон.

Сипаҳро аз ӯ буд дар Эрон паноҳ,
Бад-ӯ гашт ороста тахту гоҳ.

Аз Эрон чу ӯ кам шуд, акнун чӣ бок,
Наярзанд онон яке[3] мушти хок.

Зи Нӯзар маро дар дил андеша нест,
Ки Нӯзар ҷавон асту пурпеша нест.[4]

Бикӯшед бо Қорани размзан,
Дигар гурд Гаршосп аз он анҷуман.

Магар даст ёбед бар дашти кин
Бар ин ду сарафрози Эронзамин.

Равони ниёкони мо х(в) аш кунед,
Дили бадсиголон пуроташ кунед».

Чунин гуфт бо номвар ҷангҷӯй,
Ки «Ман хун зи кин андарорам ба ҷӯй.»

1. Л-Гургон ҳама.
2. Л-Бикӯбеду.
3. Л-ба як.
4. Л-б. 121-125 нест.

www.sattor.com

ОМАДАНИ АФРОСИЁБ БА ЭРОНЗАМИН

Чу дашт аз гиё гашт чун парниён,
Бубастанд гурдони Турон миён.[1]

Сипоҳе баромад зи туркону Чин,
Ҳамон гурздорони Ховарзамин,[2]

Ки онро[3] миёну карона набуд,
Ҳамон бахти Нӯзар ҷавона набуд.

Чу лашкар ба наздики Ҷайхун расид,
Хабар назди пури Фаридун[4] расид.[5]

Сипоҳу ҷаҳондор берун шуданд,
Зи хоки ҳумоюн ба ҳомун шуданд.[6]

Ба роҳи деҳистон ниҳоданд рӯй,
Сипаҳдорашон Қорани размҷӯй,

Шаҳаншоҳ Нӯзар паси пушти ӯй,
Ҷаҳоне саросар пур аз гуфтугӯй.

Чу лашкар ба назди деҳистон расид,
Чунон шуд,[7] ки хуршед шуд нопадид.

Саропардаи Нӯзари шаҳрёр
Кашиданд бар дашт пеши ҳисор.

---

1. ТПЗ- Дигар рӯз чун бардамид офтоб,
Ки мардони кин андаромад шитоб.
Заданд аз бари пил рӯина кӯс,
Ҷаҳон шуд зи гарди сипаҳ обнӯс.
2. Л-Ҳам аз гурздорони Эронзамин.
3. Л-Сипаҳро.
4. Л-шоҳи ҳумоюн.
5. ТПЗ - Чу Нӯзар хабар ёфт аз кинахоҳ,
Бихонд аз ҳама подшоҳӣ сипоҳ.
Бизад кӯсу лашкар ба ҳомун кашид,
Сипаҳро ҳама сӯи Ҷайҳун кашид.
6. Л-б. 134 нест.
7. Л-буд.

www.sattor.com

Чу[1] андар деҳистон биёрост[2] ҷанг,
Бар ин барнаёмад фаровон диранг,

Ки Афросиёб андар Эронзамин[3]
Ду солор кард аз далерон[4] гузин.

Шамососу дигар Хазарвони гурд,
Зи лашкар саворон бад-эшон супурд.

Зи ҷанговарон мард чун сӣ ҳазор
Бирафтанд шоистаи корзор.

Сӯи Зобулистон ниҳоданд рӯй,
Зи кина ба Дастон ниҳоданд рӯй.

Хабар шуд, ки Соми Наримон бимурд,
Ҳаме дахма созад варо Золи гурд.

Аз он сахт шодон шуд Афросиёб,
Бидид он ки бахт андаромад зи хоб.

Биёмад чу пеши деҳистон расид,
Баробар саропардае баркашид.[5]

Сипаҳро кӣ донист кардан шумор,
Ту шав, чорсад бор[6] бишмар ҳазор.

Биҷӯшид, гуфтӣ, ҳама регу шах,
Саросар биёбон чу мӯру малах.

Або шоҳ Нӯзар саду чил ҳазор,
Ҳамоно, ки буданд ҷангӣ савор.

Ба лашкар нигаҳ кард Афросиёб,
Ҳаюне барафканд ҳангоми хоб.

---

1. Л-худ.
2. Л-баророст.
3. ИЛ-Эронзамин.
4. Л-Ду солори гурд аз бузургон.
5. ТПЗ - Чунон шуд зи гарди саворон ҷаҳон,
Ки хуршед, гуфтӣ, шуд андар ниҳон.
6. Л-Ту се бор сад бор.

www.sattor.com

Яке нома бинвишт назди Пашанг,
Ки ҷустем некиву[1] омад ба ҷанг.

Ҳама лашкари Нӯзар ар бишмарем,
Шикоранд яксар, куҷо бишкарем.

Дигар Сом рафт аз паси шаҳрёр,
Ҳамоно наёяд бад-ин корзор.

Маро бим аз ӯ буд ба Эронзамин,
Чу ӯ шуд, зи Эрон бихоҳем кин.[2]

Сутудон ҳаме созадаш Золу Зар,
Надорад ҳаме ҷангро пову пар.

Ҳамоно Шамосос дар Нимрӯз
Нишастаст бо тоҷи гетифурӯз.

Ба ҳар кор ҳангом ҷустан накӯст,
Задан рой бо марди ҳушёр, дӯст,

Чу коҳил шавад мард ҳангоми кор,
Аз ӯ пас наёбад чунон рӯзгор.

Ҳаюни таковар баровард пар,
Бишуд назди[3] солори хуршедфар.[4]

РАЗМИ БОРМОН ВА ҚУБОД ВА КУШТА ШУДАНИ ҚУБОД

Сапеда чу аз кӯҳ сар баркашид,
Талоя ба пеши деҳистон расид.

Миёни ду лашкар ду фарсанг буд,
Ҳама созу ороиши ҷанг буд.

Яке турк буд, номи ӯ Бормон,
Ҳаме хуфтаро гуфт, бедор мон.

1. Л-гетию.
2. Л-б. 154 нест.
3. И-Ба наздики.
4. Л-солори Турон хабар.

www.sattor.com

Биёмад, сипаҳро ҳама бингарид,
Саропардаи шоҳ Нӯзар бидид.

Бишуд назди солори туронсипоҳ,
Нишон дод аз он лашкару боргоҳ.

В-аз он пас ба солори бедор[1] гуфт,
Ки «Моро ҳунар чанд бояд нуҳуфт?!

Ба дастурии шоҳ ман шервор
Биҷӯям аз он анҷуман корзор.

Бубинанд пайдо зи ман дастбурд,
Ҷуз аз ман ба гетӣ надонанд[2] гурд.»

Чунин гуфт Ағрираси ҳушманд,
Ки «Гар Бормонро расад з-ин газанд,

Дили марзбонон[3] шикаста шавад,
Бар ин анҷуман кор баста шавад.

Яке марди беном бояд гузид,
Ки ангушту лабро[4] набояд газид».

Урожанг шуд рӯи пури Пашанг,
Зи гуфтори Ағрирас омад-ш нанг.[5]

Ба рӯи дижам гуфт бо Бормон,
«Ту ҷавшан бипӯшу ба зеҳ кун камон!

Ту бошӣ бар он анҷуман сарафроз,
Ба ангушту дандон наёяд ниёз».

Бишуд Бормон то ба дашти набард,
Сӯи Қорани Кова овоз кард,

1. Л-ҳушёр; И-биёмад ба солор.
2. ИЛ-касеро нахонанд.
3. Л-номдорон; И-марзбон з-ӯ.
4. ИЛ-ангуши аз он пас.
5. И-омадаш танг; И-омад ба танг.

www.sattor.com

К-«Аз ин лашкари Нӯзари номдор
Кӣ дорӣ, ки бо ман кунад корзор?»

Нигаҳ кард Қоран ба мардони мард
Аз он анҷуман, то ки ҷӯяд набард,

Кас аз номдорон-ш посух надод,
Магар пиргашта диловар Қубод.

Дижам гашт солори бисёрҳуш,
Зи гуфти бародар баромад ба ҷӯш.

Зи хашмаш сиришк андаромад ба чашм,
Аз он лашкари гашн буд ҷои хашм.

Зи чандон ҷавон мардуми ҷангҷӯй
Яке пир дорад сӯи ҷанг рӯй.

Дили Қоран озурда гашт аз Қубод,
Миёни далерон забон баркушод,

Ки «Соли ту акнун ба ҷое расид,
Ки аз ҷанг дастат бибояд кашид.

Яке марди осуда чун Бормон,
Ҷавоне[1] кушодадилу шодмон.

Саворе ки дорад дили шери нар,
Ҳаме барфарозад ба хуршед сар.

Туӣ моявар кадхудои сипоҳ,
Ҳаме бар ту гардад ҳама рои шоҳ.

Ба хун гар шавад лаъл мӯи[2] сапед,
Шаванд ин далерони мо[3] ноумед.[4]

1. Л-Ҷавону.
2. Л-риши.
3. Л-далерон ҳама.
4. ТПЗИЛ -Шикаст андароя бад-ин размгоҳ,
Пур аз дард гардад дили некхоҳ.

www.sattor.com

Нигаҳ кун, ки бо Қорани размзан
Бародар чӣ гуфт[1] андар он анҷуман».

Чунон дод посух мар ӯро Қубод,
Ки «Ин чархи гардон маро дод дод.

Бидон, эй бародар, ки тан маргрост,
Сари номвар[2] судани таргрост.

Зи гоҳи ҳуҷаста Манучеҳр боз
Бад-ин рӯз будам дил андар гудоз.

Касе зинда бар осмон нагзарад,
Шикор асту маргаш ҳаме бишкарад.

Якеро барояд зи шамшер ҳуш
Бад-он гаҳ ки ояд ду лашкар ба ҷӯш.

Сараш найзаву теғи буррандарост,
Танаш каргасу шери даррандарост.

Якеро ба бистар сар ояд замон,
Ҳаме рафт бояд сабук бар карон.[3]

Агар ман шавам[4] з-ин ҷаҳони фарох,
Бародар ба ҷой аст бо бурзу шох.

Яке дахмаи хусравонӣ кунед,
Пас аз рафтанам меҳрубонӣ кунед.

Сарамро ба кофуру мушку гулоб,
Танамро бад-он ҷои ҷовидхоб

Супоред морову сокин шавед,
Ба Яздони додор эмин шавед».

Бигуфт ину бигрифт найза ба даст
Ба овардгаҳ рафт чун пили маст.

1. Л-Чӣ гӯяд Қубод.
2. Л-размзан.
3. Л-аз ин бегумон; И-б. 194 нест.
4. ИЛ-равам.

www.sattor.com

Чунин гуфт бо размзан Бормон,
Ки «Овард пешам саратро замон.[1]

Бибоист мондан, ки худ рӯзгор
Ҳаме кард бо ҷони ту корзор.»

Чунин гуфт мар Бормонро Қубод,
Ки «Якчанд гардун маро дод дод.

Ба ҷое тавон мурд, к-ояд замон,
Биёяд замон безамон як замон».

Бигуфту барангехт шабдезро,
Надод орамидан дили тезро.

Зи шабгир то соя афканд[2] ҳур,
Ҳаме ин бар он, он бар ин кард зӯр.

Ба фарҷом пирӯз шуд Бормон,
Ба майдони ҷанг андаромад дамон.

Яке хишт зад бар сурини Қубод,
Ки банди камаргоҳи ӯ баркушод.

Зи асп андаромад нагунсорсар,
Шуд он шердил пири солорфар.

Бишуд[3] Бормон назди Афросиёб,
Шукуфта ду рухсора бо ҷоҳу об.

Яке хилъаташ дод, к-андар ҷаҳон
Кас аз кеҳтарон он надид[4] аз меҳон.[5]

Чу ӯ кушта шуд, Қорани размҷӯй
Сипаҳро биёварду бинҳод рӯй.

---

1. И-б. 200 нест.
2. Л-густурд.
3. Л-Чу шуд.
4. Л-Настуд он.
5. ТПЗ - Ки лашкар бад-ӯ хира шуд сарбасар,
Бад-он тавқу ёра, ба заррин камар,
Або гӯшвору кулоҳи шаҳон
Кас аз кеҳтарон настад он аз меҳон.

www.sattor.com

Ду лашкар ба сони ду дарёи Чин,
Ту гуфтӣ, ки шуд ҷунб-ҷунбон замин.[1]

Биёмад дамон Қорани размзан,
В-аз он сӯй Гарсевази пилтан,[2]

Зи овози аспону гарди сипоҳ
На хуршед пайдо, на тобанда[3] моҳ.

Дурахшидани теғи алмосгун,
Синонҳои[4] оҳордода ба хун.

Ба гирд - андарун ҳамчу парри уқоб,
Ки шангарф борад бар он офтоб.

Пур аз нолаи кӯс шуд мағзи меғ,
Пур аз оби шангарф шуд ҷони теғ.

Ба ҳар сӯ, ки Қоран барафканд асп,
Ҳаме тофт оҳан чу Озаргушасп.

Ту гуфтӣ, ки алмос марҷон фишонд,
Чӣ марҷон, ки дар кин ҳаме ҷон фишонд.

Зи Қоран чу Афросиёб он бидид,
Бизад аспу лашкар сӯи ӯ кашид.

Яке разм то шаб баромад зи кӯҳ,
Бикарданду н-омад дил аз кин сутӯҳ.[5]

---

1. б. 212 нест
2. ТПЗИЛ- Сарафроз* Гаршевази размҷӯй,
   Або лашкари гашн бинҳод рӯй.
   *Л-В-аз он сӯй.
3. Л-тобид равшан, на.
4. Л-Шуда лаълу.
5. ТПЗ- Чу хуршед дар ҷомаи нилгун
   Ниҳон шуд, чу зангӣ шаб омад бурун,
   Ҷаҳон гашт чун чеҳраи Аҳриман,
   Кушода сияҳмори гардун даҳан.
   Чу шаб тира шуд, Қорани размхоҳ
   Раҳо шуд зи солори туронсипоҳ.
   Ҷудо гашт лашкар чу аз як дигар,
   Саросема рафтанд пурхун ҷигар.

www.sattor.com

Чу шаб тира шуд, Қорани размхоҳ
Биёвард пеши деҳистон сипоҳ.

Бари Нӯзар омад ба пардасарой,
Зи хуни бародар шуда дил зи ҷой.

Варо дид Нӯзар, фурӯ рехт об,
Аз он мижжаи сер нохурда хоб.

Чунин гуфт, к-«Аз марги Соми савор
Надидам равонро чунин сӯгвор.

Чу хуршед бодо равони Қубод,
Туро з-ин ҷаҳон ҷовидон баҳра бод!

Ҷаҳонро чунин аст оину сон,
Яке рӯз шодиву дигар ғамон.

Ба парвардан аз маргамон[1] чора нест,
Заминро ба ҷуз гӯр гаҳвора нест».

Чунин гуфт Қоран, ки «То зодаам,
Тани пурҳунар маргро додаам.

Фаридун ниҳод ин кулаҳ бар сарам,
Ки бар кини Эраҷ замин биспарам.

Ҳанӯз он камарбанд накшодаам,
Ҳамон теғи фӯлод нанҳодаам.[2]

Бародар шуд, он марди ҳангу хирад,
Саранҷоми ман ҳам бар ин бигзарад.

Анӯша бизӣ ту, ки имрӯз ҷанг
Ба танг[3] андаровард пури Пашанг.

Зи туронсипаҳ кушта буд бешумор,
Зи гурдони Эрон чу панҷаҳ ҳазор.

1. И-марг худ.
2. Л-б. 230, 231 нест.
3. Л-чанг.

www.sattor.com

Чу аз лашкараш гашт лахте табоҳ,
Аз осудагон хонд[1] чанде сипоҳ.

Маро дид бо гурзаи говрӯй,
Биёмад ба наздики ман ҷангҷӯй.[2]

Ба рӯяш бад-он гуна андар шудам,
Ки бо дидагонаш баробар шудам.

Яке ҷодуви сохт бо ман ба ҷанг,
Ки бар чашми равшан намонд обу ранг.

Шаб омад ҷаҳон сар ба сар тира гашт,
Маро бозу аз кӯфтан[3] хира гашт.

Ту гуфтӣ, замона сар омад ҳаме,
Ҳаво зери абр[4] андаромад ҳаме.

Бибоист баргаштан аз размгоҳ,
Ки монда[5] сипаҳ буду шаб шуд сиёҳ.[6]

РАЗМИ АФРОСИЁБ БО НӮЗАР ДИГАР БОР

Рада баркашиданд Эрониён,
Чунон чун бувад сози ҷанги каён.[7]

Биғуррид кӯсу бинолид ной,
Ту гуфтӣ, замин андаромад зи ҷой.[8]

---

1. ИЛ-хост.
2. Л-кинаҷӯй.
3. Л-хештан.
4. Л-хок.
5. Л-гарди.
6. Ил-пас аз б. 240 ин б. омада:
   Баросуд пас лашкар аз ҳар ду сӯй,
   Бирафтанд рӯзи дувум ҷангҷӯй.
   *Л-шаб; Л-дигар.
7. ТПЗ- Чу шаб парниёни сияҳ кард чок,
   Мунаввар шуд аз партави хур хок.
   Шаҳи анҷум аз пардаи лоҷвард.
   Яке шӯъла ангехт аз зарри зард.
8. ИЛ-б. 243 нест.

www.sattor.com

Чу Афросиёб он сипаҳро бидид,
Биёмад баробар,[1] сафе баркашид.

Чунон шуд зи гарди саворон ҷаҳон,
Ки хуршед, гуфтӣ, шуд андар ниҳон.

Деҳодеҳ баромад зи ҳарду гурӯҳ,
Биёбон набуд ҳеч пайдо зи кӯҳ.

Аз он сон сипаҳ дар ҳам овехтанд,[2]
Чу рӯди равон хун ҳаме рехтанд.

Ба ҳар сӯ, ки Қоран шудӣ размхоҳ,
Фурӯ рехтӣ хун дар он размгоҳ,

Куҷо хун шудӣ гурд Афросиёб,
Ҳама хун шудӣ дашт чун рӯди об.

Саранҷом Нӯзар зи қалби сипоҳ
Биёмад ба наздики ӯ кинахоҳ.[3]

Чунон найза бар найза андохтанд,
Синон як ба дигар барафрохтанд,[4]

Ки бар ҳам напечад аз он гуна мор,
Ҷаҳонро набуд инчунин ёдгор.[5]

Чунон то шаби тира омад ба танг,
Бар ӯ чира шуд дасти пури Пашанг.

Аз эрониён[6] бештар хаста шуд,
В-аз он рӯй пайкор пайваста шуд.

Ба бечорагӣ рӯй баргоштанд,
Ба ҳомун саропарда бигзоштанд.

1. Л-Бизад нои рӯину.
2. Л-Бар он сон сипаҳ бар ҳам омехтанд; И-Бад-он сон, ки ҳарду даромехтанд.
3. ИЛ-размхоҳ.
4. Л-Ки аз якдигар боз нашнохтанд; И-баромехтанд.
5. ИЛ-Шаҳонро чунин кай бувад корзор.
6. Л-Эронсипаҳ.

www.sattor.com

Дили Нӯзар аз ғам пур аз дард шуд,[1]
Ки тоҷаш зи ахтар пур аз гард шуд.[2]

Чу аз дашт биншаст овои кӯс,
Бифармуд, то пеши ӯ рафт Тӯс.

Бишуд Тусу Густаҳм ҳар ду[3] ба ҳам,
Лабон пур зи боду равон пур зи ғам.

Бигуфт он ки дар дил маро дард чист,
Ҳаме гуфт чандеву чанде гирист.

Аз андарзи[4] фаррух падар ёд кард,
Пур аз хун ҷигар, лаб пур аз бод кард,

Куҷо гуфта будаш, ки аз Турку Чин
Сипоҳе биёяд ба Эронзамин.

Аз эшон туро дил шавад дардманд,
Басе бар сипоҳи ту ояд газанд.

Зи гуфтори шоҳ омад акнун нишон,
Фароз омад он рӯзи гарданкашон.

Ки аз номаи номдорон бихонд,[5]
Ки чандин сипаҳ кас зи туркон биронд.[6]

Шуморо сӯи Порс бояд шудан,
Шабистон биёвардану омадан,

В-аз он ҷо кашидан сӯи Зовкӯҳ,[7]
Бар он кӯҳи Албурз бурдан гурӯҳ.

1. ИЛ-буд.
2. ИЛМ-буд.
3. Л-бо ӯ.
4. Л – Зи эдар зи.
5. Л-Кас аз номаи шаҳрёрон нахонд.
6. Л-наронд.
7. И-Зовакӯҳ; Л-Ромакӯҳ.

www.sattor.com

Кунун сӯи[1] роҳи Сипоҳон шавед,
В-аз ин лашкари хеш[2] пинҳон равед.[3]

Зи кори шумо дилшикаста шаванд,
Бар ин хастагӣ низ хаста шаванд.

Зи тухми Фаридун магар як-ду тан
Барад ҷон аз ин бешумор анҷуман.

Надонам, ки дидор бошад ҷуз ин,
Як имшаб бикӯшем дасти пасин.

Шабу рӯз доред корогаҳон,
Биҷӯед ҳушёр кори ҷаҳон.

Аз ин лашкар ар бад диҳанд[4] огаҳӣ,
Ки тира шуд[5] ин фарри шоҳаншаҳӣ,

Шумо дил мадоред бас мустаманд,
Ки то буд, чунин буд чархи баланд.

Якеро ба хок андарорад[6] замон,
Яке бо кулоҳи каӣ[7] шодмон.

Тани кушта бо мурда яксон шавад,
Тапад як замон, пас таносон[8] шавад.[9]

Гирифт он ду фарзандро дар канор,
Фурӯ рехт хун[10] аз мижа шаҳрёр.

---

1. Л-Аз эдар зи.
2. Л-гашн.
3. Л-пас аз б. 267 омада:
   Набояд, ки ояд шуморо газанд
   Аз ин бадкуниш ҷодуи бадписанд.
   Чу гаштанд огоҳ эрониён,
   Аз ин пас бибандед кинро миён.
4. И-Агар лашкар аз бад диҳад.
5. ИЛ-Шавад тира.
6. Л-чанг андарояд.
7. Л-омеҳӣ.
8. Л-боз осон.
9. ТПЗИ - Бидодаш аз он пандҳо чун сазид,
   Пас он дасти шоҳона берун кашид.
10. ИЛ-об.

www.sattor.com

Бишуд Тусу Густаҳму Нӯзар бимонд,[1]
Дили дардмандаш ба ғам дарнишонд.[2]

ҶАНГИ НӮЗАР БО АФРОСИЁБ БОРИ СЕВУМ

Аз он пас биёсуд лашкар ду рӯз,
Се дигар чу бифрӯхт гетифурӯз,

Набуд шоҳро рӯзгори диранг,[3]
Ба бечорагӣ кард боист ҷанг.[4]

Або лашкари Нӯзар Афросиёб
Чу дарёи ҷӯшон баровард тоб.

Хурӯшидан омад зи пардасарой[5]
Або[6] нолаи бӯқу ҳиндидарой.

Табира баромад зи даргоҳи шоҳ,
Ниҳоданд бар сар зи оҳан кулоҳ.

Ба пардасарои рад Афросиёб
Касеро сар андарнаёмад ба хоб.[7]

Ҳама шаб ҳаме лашкар оростанд,
Ҳамон теғу жӯпин биперостанд.[8]

Замин кӯҳ то кӯҳ ҷавшанварон,
Бирафтанд бо гурзҳои гарон.

На буд кӯҳ пайдо, на регу[9] на шах,
Зи дарё ба дарё кашиданд нах.

1. ИЛ-ба ҳам.
2. Л-Ду рухсора пуробу дил пур зи ғам; И-Рухон-шон пуробу равон-шон дижам.
3. Л-набард.
4. Л-чанг боист кард.
5. Л-ҳарду сарой.
6. Л-Ҳамон.
7. И-б. 281-283 нест.
8. Л-Ҳама шоғу кӯпол перостанд
9. И-руду.

www.sattor.com

Биёрост Қоран ба қалб - андарун,
Ки бо шоҳ бошад сипаҳро сутун.

Чапи шоҳ гурди Талимон бихост,
Чу Шопури Настӯҳ бар дасти рост.[1]

Зи шабгир, то хур зи гунбад[2] бигашт,
На буд кӯҳ пайдо, на ҳомун, на дашт.

290 Дили теғ, гуфтӣ, биболад ҳаме,
Замин зери аспон бинолад ҳаме.

Чу шуд найзаҳо бар замин соядор,
Шикаст андаромад сӯи шаҳрёр.[3]

Чу омад ба бахт - андарун тирагӣ,
Гирифтанд туркон бар он[4] чирагӣ.

Бар он сӯ, ки Шопури Настӯҳ буд,
Пароканда шуд, ҳарчӣ анбӯҳ буд.

Ҳаме буд Шопур, то кушта шуд,
Сари бахти эрониён гашта шуд.[5]

295 Басе номдорони эронсипоҳ,
Чи кушта, чи хаста абар размгоҳ.

Чу шоҳу чу Қоран чунон дид кор,
Ки ахтар набуд ёр дар корзор.[6]

---

1. ТПЗ - В-аз он рӯй Афросиёби далер
Баророст лашкар ба монанди шер.
Чапи лашкараш Бормон ҳамчу бод,
Ба шаст - андарун чӯби оҳан ниҳод.
Сӯи рост Гарсевази пилтан
Биистод чун кӯҳ бо кӯҳтан.
Чу ҳар ду сипаҳ саф кашиданд рост,
Хурӯшидани нои рӯин бихост.
2. Л-гардун.
3. И-моядор; Л-омад андар сари моядор.
4. Л-ҳаме.
5. Л-пас аз б. 294 ин б. омада;
В-аз он сӯ кучо буд Талимони гурд,
Намонданд зинда бузургону хурд.
6. Ил-б. 295, 296 нест.

www.sattor.com

Аз анбӯҳи туркони пархошҷӯй
Ба сӯи деҳистон ниҳоданд рӯй.

Деҳистон гирифтанд яксар[1] ҳисор,
На бисёр буд мар[2] сипаҳро гузор,

Шабу рӯз буд бар гузаргоҳ ҷанг,
Баромад бар ин низ чанде диранг.

Чу Нӯзар фурӯ ҳишт пай дар ҳисор,
Бар ӯ баста шуд роҳи ҷанги савор.[3]

Саворон биёрост Афросиёб,
Гусӣ кард лашкар ба ҳангоми хоб.[4]

Яке номвар туркро кард ёд,
Сипаҳбад Курухони Висанажод.

Сӯи Порс фармуд, то баркашид,
Ба роҳи биёбон сар андаркашид,

К-аз он сӯ буд эрониёнро буна,
Биҷӯяд буна мардуми бадбуна.[5]

Чу Қоран шунид он ки Афросиёб
Гусӣ кард лашкар ба ҳангоми хоб,

Шуд аз рашк ҷӯшону дил кард танг,
Бари Нӯзар омад ба сони паланг,

Ки «Туроншаҳ он ноҷавонмард мард,
Нигаҳ кун, ки бо шоҳи Эрон чӣ кард?

Сӯи рӯйпӯшидагони сипоҳ
Сипоҳе фиристод бемар ба роҳ.

1. Л-аз эшон; И-эшон.
2. Л-Басе ҷои бад буд.
3. ИЛ- ҷагисавор.
4. Л-Гирифташ зи ҷанги диранги шитоб.
5. Л-бебуна.

www.sattor.com

Шабистони мо гар ба даст оварад,
Бар ин номдорон шикаст оварад.

Ба нанг - андарун сар шавад нопадид,
Маро сар сӯи кӯҳ бояд кашид.

Ба дастурии шоҳи пирӯзбахт
Битозам паси турки бадхоҳ сахт.[1]

Туро хӯрданӣ ҳасту оби равон,
Сипоҳе ба меҳр аз бари ту навон.[2]

Ҳаме бошу дилро макун ҳеч танг,
Ки осон шавад бар ту-бар кори ҷанг.

Бикун шерӣ он ҷо, ки шерӣ сазад,
Ки аз шаҳрёрон далерӣ сазад».[3]

Бад-ӯ гуфт Нӯзар, ки «Ин рой нест,
Сипаҳро чу ту[4] лашкаророй нест.

Зи баҳри буна рафт Густаҳму Тус,
Бад-он гаҳ, ки бархост овози кӯс.[5]

Бад-ин зудӣ андар шабистон расанд,
Чунон чун сазад, сози эшон кунанд».[6]

Расиданд андар шабистон фароз
Ялону бузургони гарданфароз.[7]

Нишастанд бар хону май хостанд,
Замоне дил аз ғам биперостанд.

1. ИЛ- б. 311 нест.
2. Л-аз паи ту давон; И-равон.
3. Л-б. 314 нест;
ТП - Ки ман бурд хоҳам сипаҳро дамон,
Ба думми Курухон чу тир аз камон.
4. Л-Сипоҳ аст, ҷуз.
5. И-хезад хурӯши хурӯс.
6. И-б. 317 нест.
7. Л-б. 318 нест.

www.sattor.com

Чу сармаст шуд Нӯзари шаҳрёр,
Ба парда - дарун рафт дил кинадор.

Саворони Эрон, гавони далер
Зи даргаҳ бурун омаданд хир-хир.[1]

Пас он гаҳ сӯи хони Қоран шуданд,
Ҳама дида чун абри баҳман шуданд.[2]

Суханро фиканданд ҳар гуна бун,
Бар он барниҳоданд яксар сухун,

Ки «Моро сӯи Порс бояд кашид,[3]
Набояд аз ин рой ҳеч орамид.[4]

Чу пӯшидарӯёни эронсипоҳ
Асирон шаванд аз бади кинахоҳ.

Зану зода дар банди туркон шаванд,
Абе ҷанг дил пур зи пайкон шаванд.

Кӣ гирад бад-ин дашт найза ба даст,
Киро бошад орому ҷои нишаст?»

Чу Шедӯшу Кашводу Қоран ба ҳам
Заданд андар ин рой бар бешу кам.

Чу ниме гузашт аз шаби дерёз,
Далерон ба рафтан гирифтанд соз.

Ҳамон гаҳ бишуд Қорани размзан,
Яке лашкаре бурд бо хештан.

Шабонгаҳ расиданд дил ноумед
Бад-он диж, ки хонданди онро Сапед.[5]

1. ИЛ-б. 320, 321 нест.
2. Л-Пас аз б. 322 ин б. омада:
   Басе гуфта ронданд аз ҳар даре,
   Фузуданд андеша бар ҳар саре.
3. Л-шудан.
4. Л-Ҷуз ин ҳеч рое набояд задан.
5. И-б. 330, 331 нест

www.sattor.com

Бад-ин рӯй диждор буд Каждаҳам,
Далерони бедор бо ӯ ба ҳам.[1]

В-аз он рӯи диж Бормон бо сипоҳ,
Або[2] пилу гурдон нишаста ба роҳ,

К-аз ӯ Қорани размзан хаста буд,
Ба хуни бародар камар баста буд.

Бипӯшид Қоран силеҳи набард,
Чу боист, кори сипаҳ рост кард.[3]

Паси ӯ бирафтанд гурдони ӯй,
Сӯи Порс бинҳод якбора рӯй.

Шуд огоҳ аз ӯ[4] Бормони далер,
Ба пеш андаромад ба кирдори шер.

Чу Қоран мар ӯро чунон тез дид,
Ба пайкор дар гард хунрез дид.[5]

Баровехт чун шер бо Бормон,
Сӯи чора ҷустан надодаш замон.

Сабук андаромад бару бар кушод,
Зи Яздони фарёдрас кард ёд.[6]

Яке найза зад бар камарбанди ӯй,
Ки бигсаст бунёду[7] пайванди ӯй.

Нагун андаромад зи пушти сутур,
Шуда тира з-ӯ чарх, тобанда[8] ҳур.[9]

1. Л-б. 329-332 нест.
2. Л-Худу.
3. Л-б. 335 нест.
   ТПЗИ- Сипахро гузар буд бар Бормон,
   Сӯи рост* шуд Қоран он гаҳ дамон.
   * И-рох.
4. И-Чу огоҳ шуд.
5. Л-б. 337, 338 нест.
6. ИЛ-б. 340 нест.
7. Л-ҳама банду.
8. И-гарданда.
9. Л-б. 342 нест.

www.sattor.com

Сипаҳ сар ба сар[1] дилшикаста шуданд,
Ҳама як зи дигар гусаста шуданд.

Сипаҳбад сӯи Порс бинҳод рӯй,
Або номвар лашкари ҷангҷӯй.

ГИРИФТОР ШУДАНИ НӮЗАР БА ДАСТИ АФРОСИЁБ

Чу бишнид Нӯзар, ки Қоран бирафт,
Дамон аз пасаш рӯй бинҳод тафт.

Ҳаметохт, к-аз рӯзи бад бигзарад,
Сипеҳраш магар зери пай наспарад.

Чу Афросиёб огаҳӣ ёфт з-ӯй,
Ки сӯи биёбон ниҳодаст рӯй,

Сипаҳ анҷуман карду пӯён бирафт,
Чу шер[2] аз пасаш рӯй бинҳод тафт.

Чу танг андар омад паси шаҳрёр,
Ҳамаш тохтан диду ҳам корзор.

Бар он сон*[3] ки омад, ҳамеҷуст роҳ,
Ки то бесар орад[4] саре бо кулоҳ.

Шаби тира то шуд баланд офтоб,
Ҳаме гашт бо Нӯзар Афросиёб.

Зи гарди далерон ҷаҳон[5] тор шуд,
Саранҷом Нӯзар гирифтор шуд.[6]

Худу номдорон ҳазору дувист,
Ту гуфтӣ, ки-шон бар ҷаҳон ҷой нест.

---

1. Л-як ба як.
2. ИЛ-Дамон
3. М-Бад-он гаҳ.
4. Л-сар сарорад; И-бар сар орад.
5. Л-ҳаво.
6. ТПЗ - Гирифташ камарбанд пури Пашанг,
   Ҷудо кард ӯро зи зина паланг.

www.sattor.com

Басе роҳ ҷустанду бигрехтанд,
Ба доми бало - дар биёвехтанд.[1]

Чунон лашкареро гирифта ба банд,
Биёвард бо шаҳрёри баланд.

Агар бо ту гардун нишинад ба роз,
Наёбӣ ҳам аз гардиши ӯ ҷавоз.

Ҳам ӯ тоҷу тахту баландӣ диҳад,
Ҳам ӯ тирагиву нажандӣ диҳад.

Ба душман ҳамемонад ӯ ҳам ба дӯст,
Аз ӯ мағз ёбӣ гаҳе, гоҳ пӯст,

Ки гетӣ яке нағз бозигар аст,
Ки ҳар дам варо бозии дигар аст.[2]

Сарат гар бисояд бар абри сиёҳ,
Саранҷом хок аст аз ӯ ҷойгоҳ.[3]

В-аз он пас бифармуд Афросиёб,
Ки аз ғору кӯҳу биёбону об

Биҷӯед, то Қорани размзан
Раҳоӣ наёбад аз[4] он анҷуман.

Чу бишнид, к-ӯ пеш аз ин[5] рафта буд,
Зи кори шабистон дилошуфта буд.

Аз он пас бифармуд Афросиёб,
Ки то Бормон ронад андар шитоб

---

1. Л-бар ҳам овехтанд.
2. ИЛ-б. 359 нест;
   ТПЗ- Нигар, то набандӣ дил андар ҷаҳон,
   Набошӣ бад-ӯ эмин андар ниҳон.
3. ТПЗ - Якеро зи моҳӣ ба моҳ оварад,
   Якеро зи маҳ зери чоҳ оварад.
4. Л-Сари номдорони;
   ТПЗЛ- Куҷо рафт аз ин саҳмгин размгоҳ,
   Ки пешам наёяд ба тан кинахоҳ?
5. Л-Яке гуфт Қоран (ки) шаб.

www.sattor.com

Паси Қорани размзан ҳамчу шер,
Бигирад мар ӯро, барорад далер.[1]

Бигуфтанд бо Бормон, ӯ чӣ кард,
Чӣ гуна даровард з-аспаш ба гард,

Ғамӣ гашт аз он кор Афросиёб,
Бар ӯ талх шуд хӯрду орому хоб.[2]

Чунин гуфт бо Висаи номвар,
Ки «Дил сахт гардон ба марги[3] писар.

Куҷо Қорани Кова ҷанг оварад,
Паланг аз шитобаш диранг оварад.

Туро рафт бояд зи баҳри[4] писар,
Або лашкаре сохта пурҳунар.»

КУШТА ЁФТАНИ ВИСА ПИСАРИ ХУДРО

Бишуд Виса солори туронсипоҳ[5]
Або номвар лашкари размхоҳ.[6]

Аз он пештар, к-ӯ ба Қоран расид,
Гиромишро кушта афканда дид.

Дарида дурафшу нагунсор кӯс,
Чу*[7] лола кафан, рӯй чун сандарӯс.

Далерону гурдони туронсипоҳ
Басе низ бо ӯ фиканда ба роҳ.

Чу Виса чунон дид, ғамнок шуд,
Дилаш, гуфтӣ, аз ғам ба ду чок шуд.

1. ИЛ-б. 364, 365 нест.
2. Л-366, 367 нест.
3. И-меҳри.
4. Л-ба пушти; И-ба пеши.
5. Л-турконсипоҳ.
6. ИЛ-кинахоҳ.
7. М-зи

www.sattor.com

Биборид аз дидагон оби нарм,
Паси Қоран андар ҳаме ронд гарм,

Давон гашта Виса чу оби равон,
Фитода аз ӯ шӯр андар ҷаҳон.[1]

Зи Виса ба Қоран расид огаҳӣ,
Ки омад ба фирӯзиву фарраҳӣ.

Саворони тозӣ сӯи Нимрӯз
Гусӣ карду худ рафт гетифурӯз.[2]

Чу аз Порс Қоран[3] ба ҳомун расид,[4]
Зи дасти чапаш гарде[5] омад падид.

Зи гард андаромад[6] дурафши сиёҳ,
Сипаҳдори туркон ба[7] пеши сипоҳ

Рада баркашиданд аз ҳарду рӯй,
Бирафтанд гурдони пархошҷӯй.[8]

Зи қалби сипаҳ Виса овоз дод,
Ки «Шуд тоҷу тахти бузургӣ ба бод.

---

1. ИЛ-б. 375-377 нест.
2. Л- Сутурони тозӣ сӯи Нимрӯз
   Фиристод солори гетифурӯз.
   ТПИ- Зи дарди писар Висаи ҷангҷӯй
   Сӯи Порс чун бод бинҳод рӯй;
   Ин б. дар З-пас аз б. 378 омада, ки ба матн бештар мувофиқат дорад; И-пас аз б. 379 ин б. омада:
   Бирафтанд гурдони пархошҷӯй,
   Ҳама паҳлавону ҳама номҷӯй.
3. ИЛ-лашкар.
4. Ил-кашид.
5. Л-лашкар.
6. Л-Баромад аз он ҷо.
7. Л-зи.
8. ТПЗ - Нигаҳ кард Қоран ба турониён,
   Ҳама созу олоти эрониён
   Бидонист, к-эрониёнро чӣ шуд,
   Сар омад ҳама кору ҷонро чӣ шуд.
   Сари тахти Эрон даромад ба чанг,
   Ҷаҳон гашт бар коми пури Пашанг.

www.sattor.com

Зи Қаннуҷ то марзи Кобулситон,
Ҳамон низ Ғазнину[1] Зобулситон

Ҳама[2] сар ба сар пок дар чанги мост,
Бар айвонҳо нақши авранги мост.

Куҷо ёфт хоҳӣ ту оромгоҳ,
Аз он пас куҷо шуд гирифтор шоҳ?»[3]

Чунин дод посух, ки «Ман Қоранам,
Гилем андар оби равон афканам[4]

На аз бим рафтам, на аз гуфтугӯй,
Ба сӯи писар-т омадам ҷангҷӯй[5].

Чу аз кини ӯ дил бипардохтам,
Кунун кину ҷанги[6] туро сохтам.

Намоям туро ҳам яке дастбурд,
Чунон чун намоянд мардони гурд».[7]

Барангехтанд аспҳоро зи ҷой,
Баромад хурӯшидани каррной.[8]

---

1. ИЛ-то дари дашти.
2. Л-Ҷаҳон.
3. ТПЗИ- Ба Виса чунин гуфт Қоран, ки «Бас,
Куҷо безамона намурдаст кас.
Замона чу танг омадаш кор буд,
Надорад ғаму дарду тимор суд.
Чунин аст фарҷоми гардонсипеҳр,
Бихоҳад бурид аз ту як рӯз меҳр.
Агар шоҳ Нӯзар гирифтор гашт,
На гардуни гарданда бекор гашт.
Шуморо ҳамин рӯз пеш оварад.
В-аз ин бадтарин хӯю кеш оварад».
Ва Қоран чунин гуфт бадхоҳбахт,
«Рабуд аз шумо ганҷу дайҳиму тахт.
Замону замин душмани шоҳи туст,
Туро бахти бедор гаштаст суст».
4. Л-нафганам.
5. Л-кинаҷӯй.
6. Л-ҷангу разми.
7. Л- Чунонат фиристам ба дунболи ӯй,
Ки огаҳ шавӣ зуд з-аҳволи ӯй.
8. ИЛ-б. 391 нест.

www.sattor.com

Баромад чапу рост гарди сипоҳ,
На рӯи ҳаво монд равшан, на моҳ.

Сабук як ба дигар баровехтанд,[1]
Чу рӯди равон хун ҳаме рехтанд.

Бизад Висаро[2] Қорани размҷӯй,
Аз ӯ Виса дар ҷанг баргошт рӯй.

Фаровон зи ҷанговарон кушта шуд,
Зи овардгаҳ Виса саргашта шуд.[3]

Чу бар Виса омад зи ахтар шикан,
Нарафт[4] аз пасаш Қорани размзан.

Бишуд Виса то пеши Афросиёб,
Зи дарди писар дидагонаш[5] пуроб.

ТОХТ КАРДАНИ ШАМОСОС ВА ХАЗАРВОН БА ЗОБУЛИСТОН

Сипоҳе, ки аз шаҳри Армон шуданд,
Ба кина сӯи Зобулистон шуданд.

Шамосос, к-аз пеши Ҷайҳун бирафт,
Сӯи Систон рӯй бинҳод тафт.

Хазарвон[6] або теғзан сӣ ҳазор
Зи туркон бузургони[7] ханҷаргузор

Бирафтанд бедор[8] то Ҳирманд
Або теғу бо гурзу бахти баланд.[9]

1. ИЛ-баромехтанд.
2. Л-Бари Виса шуд
3. Л-б. 395 нест.
4. ИЛ-Бирафт.
5. ЛҶ Ҳарду дида.
6. Л-Хурӯшон.
7. Л-Саворону туркон.
8. Л-Ҳушёр.
9. Або теғу гурзу камону каманд.

www.sattor.com

Зи баҳри падар Зол бо сӯгу дард,
Ба гӯроба - андар ҳаме дахма кард.

Ба шаҳр - андарун гурд Меҳроб буд,
Ки равшанравон буду бехоб буд.

Фиристодае омад аз назди ӯй,
Ба сӯи Шамосос бинҳод рӯй.

Ба пеши саропарда омад фуруд,
Зи Меҳроб додаш фаровон дуруд,

Ки бедордил шоҳи туронсипоҳ,
Бимонод то ҷовидон бо кулоҳ!

Зи Заҳҳоки тозист моро нажод,
Бад-ин подшоҳӣ наям сахт шод.

Ба пайвастагӣ[1] ҷон харидам ҳаме,
Ҷуз ин нест чора, надидам ҳаме.

Кунун ин сарои нишасти ман аст,
Ҳама Зобулистон[2] ба дасти ман аст.

Аз эдар, ки Дастон бишуд сӯгвор
Зи баҳри сутудони Соми савор,

Дилам шодмон шуд ба тимори ӯй,
Бар онам, ки ҳаргиз набинам-ш рӯй.

Замон хоҳам аз номвар паҳлавон,
Бад-он то фиристам ҳаюне дамон.[3]

Яке марди бинодили пуршитоб
Фиристам ба наздики Афросиёб.

Магар к-аз ниҳони ман огаҳ шавад,
Суханҳои гӯянда[4] кӯтаҳ шавад.

1. Л-пайванд ман.
2. Л-Кобулистон.
3. И-равон.
4. Л-дерина.

www.sattor.com

Нисоре фиристам, чунон чун сазост,
Ҷуз ин нест, ҳар ч-аз дари подшост.

Гар эдун, ки гӯяд, ки назди ман ой,
Ҷуз аз[1] пеши тахташ набошам[2] ба пой.

Ҳама подшоҳӣ супорам бад-ӯй,
Дили хешро шод дорам бад-ӯй.

Тани паҳлавонро наёрам ба ранҷ,
Фиристам-ш ҳар гуна оганда ганҷ.

Аз ин сӯ дили паҳлавонро бибаст,
В-аз он сӯй бар чора ёзид даст.

Наванде барафканд наздики Зол,
Ки парранда шав, боз кун парру бол,

Ба Дастон бигӯй, он чӣ дидӣ зи кор,
Бигӯяш, ки аз омадан сар махор,

Ки ду паҳлавон омад эдар ба ҷанг,
Зи туркон сипоҳе чу даштипаланг.[3]

Ду лашкар кашиданд бар Ҳирманд,
Ба динорашон пой кардам ба банд.

Агар з-омадан дам занӣ як замон,
Бароял ҳама комаи бадгумон.

Фиристода наздики Дастон расид,
Ба кирдори оташ дилаш бардамид.

РАСИДАНИ ЗОЛ БА МАДАДИ МЕҲРОБ

Сӯи гурд Меҳроб бинҳод рӯй,
Ҳаме тохт бо лашкари ҷангҷӯй.[4]

1. Л-шавам.
2. Л-бибошам.
3. Л-ҷанги паланг.
4. ТПЗ-пеш аз б. 426 ин б. омада:
Чу бишнид Дастони Сом ин паём,
Бифармуд бар чарма зарринситом.

www.sattor.com

Чу Меҳробро пойбарҷой дид,
Ба сар-ш - андарун донишу рой дид,

Ба дил гуфт, к-акнун зи лашкар чӣ бок,
Чи пешам Хазарвон, чи як мушти хок.[1]

Ба Меҳроб гуфт, «Эй ҳушивор мард,
Писандидаӣ дар ҳама коркард.

Кунун ман шавам дар шаби тирагун,
Яке даст ёзам бар эшон ба хун.

Шаванд огаҳ аз ман, ки боз омадам,
Дилогандаву кинасоз омадам.»

Камоне ба бозу дарафканд сахт,
Яке[2] тир бар сони шохи дарахт.

Нигаҳ кард, то ҷои гурдон куҷост,
Хадангаш ба чарх - андарун ронд рост.[3]

Бияндохт се ҷой се чӯба тир,
Баромад хурӯшидани дору гир.

Чу шаб рӯз гашт,[4] анҷуман шуд сипоҳ,
Бад-он тир карданд ҳар як[5] нигоҳ.

Бигуфтанд, к-ин тири Зол асту бас,
Наронад чунин[6] дар камон ҳеч[7] кас.

Шамосос гуфт: «Эй Хазарвони шер,
Накардӣ чунин размро хир-хир.

ТПЗ-пас аз б. 426 ин б. омада:
Наёсуд рӯзу шаб аз тохтан,
Чунин то баромад бари анҷуман.

1. ТПЗИ- Пас он гаҳ сӯи шаҳр бинҳод рӯй,
Чу омад ба шаҳр - андарун номҷӯй.
2. Л-Басе.
3. И-б. 433 нест.
4. ИЛ-шуд.
5. ИЛ-кас.
6. И-ҷуз ӯ.
7. ИЛ-тир.

www.sattor.com

На Меҳроб мондӣ, на лашкар, на ганҷ,
На аз Зол будӣ бад-ин гуна[1] ранҷ.»[2]

Хазарвон бад-ӯ гуфт, к-«Ин як тан аст,
На оҳантан[3] асту на оҳарман аст.

Ту аз ҷанги ӯ дил мадор эч танг,
Ҳам акнун биёрам ман ӯро ба чанг».[4]

Чу хуршеди тобон зи гунбад[5] бигашт,
Хурӯши табира баромад зи дашт.

Ба шаҳр - андарун кӯс бо каррной,
Хурӯшидани зангу ҳиндидарой.

Дамон Зол пӯшид сози набард,
Бар асп андаромад ба кирдори гард.

Сипоҳаш нишастанд бар пушти зин,
Сари пур зи кин, абрувон пур зи чин.[6]

Биёмад,[7] сипаҳро ба ҳомун кашид,
Саропардаву пил берун кашид.

Сипоҳ андаромад ба пеши сипоҳ,
Шуд аз гард[8] ҳомун чу кӯҳи сиёҳ.[9]

Хазарвон дамон бо амуду сипар
Яке тохтан кард бар Золи Зар.

---

1. Л-ғаму дарду.
2. ТПЗИ - Набудӣ магармон чунин размгоҳ,
   На душман кашидӣ ба мо-бар сипоҳ.
3. Л-На аз оҳан.
4. ТПЗ - Намонам варо зинда бар пушти зин,
   Ҳама номдорони Эронзамин.
5. ИЛ-бало.
6. Л-б. 443, 444 нест.
7. Л-Сипаҳбад.
8. Л-дур.
9. ТПЗ - Ду лашкар баробар кашиданд саф,
   Зи кини ҷигар бар лаб оварда каф.

www.sattor.com

Амуде бизад бар бари равшанаш,
Шикаста шуд он номвар ҷавшанаш.

Чу шуд тофта шоҳи Зобулситон,
Бирафтанд гурдони Кобулситон.

Яке диръ пӯшид Золи далер,
Ба ҷанг андаромад ба кирдори шер.

Ба даст - андарун дошт гурзи падар,
Сараш гашта пурхашму пурхун ҷигар.

Хазарвон биёмад чунон кинахоҳ,
Ки шери хурӯшон ба пеши сипоҳ.

Чу Дастон барангехт гарди набард,
Ҳамон гаҳ Хазарвон баромад чу гард.

Даманда чунон бар Хазарвон расид.
Барафрохт он гурзро, чун сазид.[1]

Бизад бар сараш гурзаи говранг,
Замин шуд зи хун ҳамчу[2] пушти паланг.[3]

Бияфканду биспарду з-ӯ баргузашт,
Зи пеши сипоҳ андаромад ба дашт.

Шамососро хост, к-ояд бурун,
Наёмад бурун, к-аш наҷӯшид хун.

Ба гард - андарун ёфт Гулбодро,
Ба гардан баровард пӯлодро.

Чу он гурзу шамшери[4] Дастон бидид,
Ҳаме кард аз ӯ хештан нопадид.

---

1. Л-б. 452-454 нест.
2. Л-хунаш чу.
3. Л-Пас аз б. 456 ин б. омада:

   Хазарвон шуд аз кинаву ҷанг сер,
   Ҳамон гаҳ барангехт Золи далер.
4. Л-Чу шамшерзан гурд.

www.sattor.com

Камонро ба зеҳ кард Золи савор,
Хаданге бад-ӯ андарун ронд хор.

Бизад бар камарбанди Гулбод-бар,
Бар он банди занҷири пӯлод-бар.

Миёнаш або[1] кӯҳаи зин бидӯхт,
Сипаҳро ба Гулбод-бар дил бисӯхт.

Чу ин ду сар афканда шуд дар набард,
Шамосос шуд бедилу рӯйзард.

Гурезон Шамососу гурдон ҳама,
Пароканда чун рӯзи борон рама.[2]

Пас - андар далерони Зобулситон
Бирафтанд бо шоҳи Кобулситон.

Чунон шуд зи бас кушта овардгоҳ,
Ки[3] гуфтӣ, ҷаҳон танг шуд бар сипоҳ.

Сӯи шоҳи туркон ниҳоданд сар,
Кушода силоҳу[4] гусаста камар.

Шамосос чун дар биёбон расид,
Зи раҳ Қорани Кова омад падид.

Ки аз лашкари Виса баргашта буд,
Ба хорӣ гиромишро кушта буд.

Ба ҳам бозхӯрданд ҳарду сипоҳ,
Шамосос бо Қорани кинахоҳ.[5]

Бидонист Қоран, ки эшон киянд,
Зи Зобулситон тохта бар чиянд.

---

1. Л-Камаргоҳ бо.
2. ТПЗИЛ -Шамосос бо лашкари размсоз
   Пароканда аз разм гаштанд боз.
   Л-б. 463, 464 нест.
3. И-Ту.
4. ИЛ-салеҳу.
5. ИЛ-размхоҳ.

www.sattor.com

Бизад нои рӯину бигрифт роҳ,
Ба пеши сипоҳ андаромад сипоҳ.

Ба гурдон чунин гуфт пас паҳлавон,
Ки «Эй номдорони равшанравон,

Ба найза дароед дар корзор.
Магар, к-андароред з-эшон димор.»

Саворон сӯи найза бурданд даст
Хурӯшон ба кирдори пилони маст.

Наистон шуд аз найза овардгоҳ,
Зи найза на хуршед пайдо, на моҳ.

Ҳама ҳарчӣ буд, лашкари турк хор
Бикушту бияфканд дар раҳгузор.[1]

Бар он лашкари баставу хаста х(в)ард,
Ба хуршеди тобон баровард гард.[2]

Гурезон Шамосос бо чанд мард,
Бирафтанд аз он тирагарди набард.

КУШТА ШУДАНИ НӮЗАР БА ДАСТИ АФРОСИЁБ

Сӯи шоҳи туркон расид огаҳӣ,
К-аз он номдорон ҷаҳон[3] шуд тиҳӣ.

Дилаш гашт пуроташи дарду ғам,
Ду рухро зи[4] хуни ҷигар дод[5] нам.

Чунин гуфт, к-«Ин Нӯзари тоҷдор
Ба зиндону ёрони ман кушта хор.[6]

1. ИЛ-473-477 нест.
2. Л-пас аз б. 478 ин б. омада:
   Басеро бибасту басеро бихаст,
   Басеро ба гурзи гарон кард паст.
3. Л-замин.
4. Л-ба.
5. Л-кард.
6. Л-б. 482 нест.

www.sattor.com

Чӣ чора-ст ҷуз хуни ӯ рехтан,
Яке кина аз нав барангехтан».

Барошуфту гуфто, ки «Нӯзар куҷост,
К-аз ӯ Виса хоҳад ҳаме кина хост.»

Ба дижхим фармуд, к-«Ӯро биёр,
Бад-он то биёмӯзамаш корзор».[1]

Сипаҳдор Нӯзар чу огоҳ шуд,
Бидонист, к-аш рӯз[2] кӯтоҳ шуд.

Сипоҳе пур аз ғулғулу гуфтугӯй
Сӯи шоҳ Нӯзар ниҳоданд рӯй.

Бубастанд бозуш бар сони санг,[3]
Кашиндандаш аз ҷой пеши наҳанг.

Ба дашт оваридандаш аз хайма хор,
Бараҳна сару пову баргашта кор.

Абар шоҳ Нӯзар рад Афросиёб
Барафканд дида диле пуршитоб.[4]

Чу аз дур дидаш, забон баркушод,
Зи кини ниёкон ҳаме кард ёд.

Зи Салму зи Тур андаромад нахуст,
Дилу дида аз шарми шоҳон бишуст,

Бад-ӯ гуфт ҳар бад, ки ояд, равост,[5]
Бигуфту барошуфту шамшер хост.

Бизад гардани Нӯзари шаҳрёр,[6]
Танашро ба хок андарафканд хор.

1. И-б. 485 нест.
2. Л-умр.
3. Л-Гирифтанд бозуш бо зӯр танг; И-Гирифтанд бозуш бо банд танг.
4. Л-б. 489, 490 нест; И-б. 490 нест.
5. Л-сазост.
6. ИЛ-тоҷдор.

www.sattor.com

Шуд он ёдгори Манучеҳршоҳ,
Тиҳӣ монд Эрон зи тахту кулоҳ.

Аё[1] донишӣ марди бисёрҳуш,
Ҳама чодари[2] озмандӣ мапӯш,

Ки тахту кулаҳ чун ту бисёр дид,
Чунин достон чанд хоҳӣ шунид.[3]

Расидӣ ба ҷое ки биштофтӣ,
Сар омад, к-аз ӯ орзу ёфтӣ.

Чӣ ҷӯӣ аз ин тирахоки нажанд,
Ки ҳам боз гардонадат мустаманд!

Пас он бастагонро кашиданд хор,
Ба ҷон хостанд он гаҳе зинҳор.[4]

Чу Ағрираси пурҳунар он бидид,
Дил андар бари ӯ яке бардамид.

Биёмад хурӯшон ба хоҳишгарӣ,
Биёрост бо номвар доварӣ.[5]

Ки «Чандин сарафроз гурди савор,
На бо таргу ҷавшан, на дар корзор,[6]

Гирифтор куштан на воло бувад,
Нишеб аст, ҷое ки боло бувад.

Сазад, гар наёрӣ,[7] ба ҷон-шон газанд,
Супорӣ ҳам эдун ба ман-шон ба банд.

---

1. Л-Ту эй.
2. Л-ҷомаи.
3. б. 497 нест.
4. Л - Кашидандашон баставу хору зор,
   Ҳаме хост ҳар як ба ҷон зинҳор.
5. ТПЗ- Чунин гуфт чандин сари бегуноҳ,
   Зи тан дур монад зи фармони шоҳ.
6. Л-Пас аз б. 503 ин б. омада:
   Ҳама бегуноҳанду бечораанд,
   Ситамёфта, на ситамкораанд.
7. И-набошад.

www.sattor.com

Бар эшон яке ғор[1] зиндон кунам,
Нигаҳдорашон[2] ҳушмандон кунам.

Ба зиндон ба зорӣ*[3] бароранд ҳуш,
Ту аз хун бикаш дасту чандин макуш.

Бибахшудашон ҷон ба гуфтори[4] ӯй,
Чу бишнид зориву пайкори[5] ӯй.

Бифармудашон, то ба Сорӣ баранд,
Ба ғулу ба мисмору хорӣ баранд.[6]

Чу ин карда шуд, сози рафтан гирифт,
Замин зери аспон нуҳуфтан гирифт.[7]

Зи пеши деҳистон сӯи Рай кашид,
Аз аспон ба ранҷу ба так хай кашид.[8]

Кулоҳи каёнӣ ба сар барниҳод,
Ба динор додан дар андар кушод.

Ба шоҳӣ нишаст андар Эронзамин
Саре пур зи ҷангу диле пур зи кин.[9]

ОГОҲӢ ЁФТАНИ ЗОЛ АЗ МАРГИ НӮЗАР

Ба Густаҳму Тӯс омад ин огаҳӣ,
Ки шуд тира он фарри[10] шоҳаншаҳӣ.

---

1. И-хона.
2. Л-Нигаҳбонашон.
3. М-Ба зориву хорӣ.
4. Л-зи кирдори.
5. Л-бо дард гуфтори.
6. ТПЗИ- В-аз он пас сипаҳдори туркону Чин
   Сипаҳро пароканд дил пур зи кин.
7. Л-б. 510 нест.
8. ТПЗ- Зи Турон биёмад ба Эронзамин
   Ҷаҳоне даровард зери нигин.
   Л-Зи эшон ба ранҷу ба бад.
9. ИЛ-б. 513 нест.
10. ИЛ-дайҳими.

www.sattor.com

Ба шамшери тез он сари тоҷдор[1]
Ба зорӣ буриданду баргашт кор.

Биканданд мӯю шахуданд рӯй,
Аз Эрон баромад яке ҳою ҳуй.

Сари саркашон гашт пургарду хок,
Ҳама дида хуну[2] ҳама ҷома чок.

Сӯи Зобулистон ниҳоданд рӯй,
Забон шоҳгӯю равон шоҳҷӯй.[3]

Бари[4] Зол рафтанд бо сӯгу дард,
Рухон пур зи хуну сарон пур зи гард.

Ки родо, далеро, шаҳо, Нӯзаро,
Гаво, тоҷдоро, меҳо, доваро!

Нигаҳдори Эрону пушти меҳон
Сари тоҷдорону[5] шоҳи ҷаҳон!

Сарат афсар аз хок ҷӯяд ҳаме,
Замин хуни шоҳон бибӯяд ҳаме.

Гиёҳе ки рӯяд аз он буму бар,
Нагун дорад аз шарми хуршед сар.

Ҳама дод хоҳему зорӣ кунем,
Ба бар ҷомаи сӯгворӣ[6] кунем.

Нажоди[7] Фаридун бад-ӯ зинда буд,
Замин наъли аспи варо банда буд.

Ба хориву зорӣ сарашро зи тан
Буриданд бо номдор анҷуман.

1. И-номдор.
2. И-пурхун.
3. ИЛ-б. 518 нест
4. ИЛ-Сӯи
5. Л-номдорону.
6. И-Ҳама гиряву сӯгдорӣ кунем; Л-Ба хуни падар сӯгворӣ.
7. И-Нишонӣ.

www.sattor.com

Ҳама теғи заҳробгун баркашем
Ба кин ҷустану душманонро[1] кушем.

Бипӯшед ҷавшан ҳама кинаро,
Бисозед нав кини деринаро.[2]

Ҳамоно бар ин сӯг бо мо сипеҳр
Зи дида фурӯ боради хун ба[3] меҳр.

Шумо низ дида пур аз хун кунед,
Ҳама ҷомаи ноз берун кунед,

Ки бо[4] кини шоҳон нашояд, ки чашм
Набошад пур аз обу дил пур зи хашм.

Ҳама анҷуман зору гирён шуданд,
Чу бар оташи тез бирён шуданд.

Бидаррид ҷома ба тан Золи Зар,
Бимӯиду биншаст бар хок - бар.[5]

Забон дод Дастон, ки то растахез
Набинад ниёми маро теғи тез.

Ҳамон чарма[6] дар зер тахти ман аст,
Синондор найза дарахти ман аст.

Рикеб аст пои маро ҷойгоҳ,
Яке тарги тира сарамро кулоҳ.

Бар ин кина оромишу хоб нест,
Ба монанди чашмам ба ҷӯй об нест.

Равони чунин шаҳрёри ҷаҳон
Дурахшанда бодо[7] миёни меҳон.

1. Л-Ба кин ҷустан оеду душман; И-Ба кин хостан то ки душман.
2. Л-б. 528 нест.
3. Л-Биборад ҳаме хуни; И-оби.
4. И-Або
5. ИЛ-б. 533 нест.
6. Л-Ҷаҳончарма.
7. Л-бод аз.

www.sattor.com

Шуморо ба доди ҷаҳонофарин
Равон тоза бодо ба орому[1] дин.

Зи модар ҳама маргро зодаем,
Бар инему гардан варо додаем,

Ки эрониён роҳро сохтанд,
Ҳаюнон ба ҳар сӯ барандохтанд.

Фароз овариданд бемар сипоҳ,
Зи шодӣ бурииданду оромгоҳ.[2]

Аз эшон бишуд хӯрду ором хоб,
Пур аз тарс гаштанд аз Афросиёб[3]

В-аз он пас[4] ба Ағрирас омад паём,
Ки «Эй пурманиш меҳтари некном,

Ҳама як ба як мар туро бандаем,
Ба гетӣ зи гуфтори ту зиндаем.

Ту донӣ, ки Дастон ба Зобулситон
Ба ҷой аст бо шоҳи Кобулситон.

Чу Барзину чун Қорани размзан,
Чу Харроду Кашводи лашкаршикан.

Ялонанд бо чангҳои дароз,
Надоранд аз Эрон чунин чанг боз.[5]

---

1. Л-Дил уммед бод андар ороми.
2. Л-б. 542, 453 нест;
   ТПЗИ- Сипаҳро ҳама сол обод кард,
   Дили сарфарозон бад-он шод кард.
   Зи ҳар сӯ, ки будаш фасила яла,
   Ба шаҳр андаровард яксар гала.
   Силеҳу дирам додан оғоз кард,
   Ҷаҳонро зи гурдон пуровоз кард.
3. И-б. 544 нест.
4. Л-эшон.
5. ТПЗИ - Ҳам акнун, ки бар ҳам занӣ зуд чашм,
   Биёянд бар кини Нӯзар ба хашм.

www.sattor.com

Чу тобанд гурдон аз ин сӯ инон,
Ба чашм андароранд нӯки синон.

Аз он тез гардад рад Афросиёб,
Дилаш гардад аз кини мо пуршитоб.

Сари як рама мардуми бегуноҳ,
Ба хок андарорад зи баҳри кулоҳ.

Агар бинад[1] Агрираси ҳушманд,
Яке[2] бастагонро кушояд зи банд,

Пароканда гардем гирди ҷаҳон,
Забон баркушоем пеши меҳон.

Ба пеши бузургон ситоиш кунем,
Ҳама пеши Яздон ниёиш кунем».

Чунин гуфт[3] Агрираси пурхирад,
К-«Аз ин гуна чора на андархурад.

Зи ман ошкоро шавад душманӣ,
Биҷӯшад сари марди оҳарманӣ.

Яке чора созам дигаргуна з-ин,
Ки бо ман бародар нагардад ба кин,

Гар эдун, ки Дастон шавад тезчанг,
Яке лашкар орад бари[4] мо ба ҷанг.

Чу орад ба наздики Сорӣ рама,
Бад-эшон супорам шуморо ҳама.[5]

Бипардозам Омул, наёям ба ҷанг
Сарамро зи ном андарорам ба нанг».

---

1. И-Ба фармони.
2. Л-Мар ин
3. И-Агар бинад.
4. Л-сӯи.
5. И – б.560 нест.

www.sattor.com

Бузургони Эрон зи гуфтори ӯй
Ба рӯи замин барниҳоданд рӯй.

Чу аз офариниш бипардохтанд,
Наванде зи Сорӣ бурун тохтанд.

Биёмад[1] ба наздики Дастони Сом,
Биёвард аз он номдорон паём,[2]

Ки бахшуд бар мо ҷаҳондори мо,
Шуд Ағрираси пурхирад ёри мо.

Яке сахтпаймон фикандем бун,
Бар ин барниҳодем яксар[3] сухун,

К-аз Эрон агар Золи Зар бо ду мард
Биёянду ҷӯянд бо ӯ набард,

Гаронмоя Ағрираси некпай
Сипаҳро зи Омул гузорад ба Рай.

Магар зинда аз дасти ин аждаҳо
Тани як ҷаҳон мардум ояд раҳо.

Чу пӯянда дар Зобулистон расид,
Сароянда наздики Дастон расид.

Бузургону ҷанговаронро бихонд,
Паёми ялон пеши эшон биронд.

В-аз он пас чунин гуфт, к-«Эй ёварон,[4]
Палангони[5] ҷангиву номоварон,

1. Л-Шитобон.
2. Л-Ки эй номвар паҳлавон шодком.
3. Л-бо вай.
4. Л-бо сарварон.
5. Л-Саворони.

www.sattor.com

Кадом аст гурди*[1] кунорангдил,[2]
Ба мардӣ сияҳ карда дар ҷанг дил.

Харидори ин ҷангу ин тохтан,
Ба хуршед гардан барафрохтан?[3]»

Ба бар зад дар ин кор Кашвод даст,
Манам гуфт ёзон, бад-ин дод даст.

Бад ӯ офарин кард фархунда Зол,
Ки хуррам бизӣ, то бувад моҳу сол!

Сипоҳе зи гурдони пархошҷӯй
Зи Зобул ба Омул ниҳоданд рӯй.

Чи манзил яке-ду бурун шуд ба роҳ,
Хабар шуд ба Ағрираси некхоҳ.

Бизад нои рӯину лашкар биронд,
Ҳама бастагонро ба Сорӣ бимонд.

Чу Кашводи фаррух ба Сорӣ расид,
Падид омад он бандҳоро калид.[4]

Яке асп мар ҳар якеро бисохт,
Аз Омул сӯи Зобулистон битохт.

Чу омад ба Дастони Сом огаҳӣ,
Ки баргашт Кашвод бо фарраҳӣ,

Яке ганҷи вижа ба дарвеш дод,
Сарояндаро ҷомаи хеш дод.

Чу Кашвод наздики Зобул расид,
Пазира шудаш Золи Зар, чун сазид.

1. М-марди.
2. Л-або сангдил.
3. ТПЗ - Магар як рама номдорон сарон
Шавад раста аз ғулу банди гарон.
4. ТПЗЛ- Ҳама банд аз пояшон баркушуд,
Зи Сорӣ биёварду баргашт зуд.

www.sattor.com

Бар он бастагон зор[1] бигрист дер,
Куҷо баста буданд дар ҷанги шер.[2]

Пас аз номвар Нӯзари номдор
Ба сар хок баркарду бигрист зор.

Ба шаҳр - андар овардашон арҷманд,
Биёрост айвонҳои баланд.

Чунон ҳам, ки ҳангоми Нӯзар буданд,
Ки ботоҷу ботахту афсар буданд.

Биёрост Дастон чунон[3] дастгоҳ,
Шуд аз хоста бениёз он сипоҳ.

КУШТА ШУДАНИ АҒРИРАС БА ДАСТИ БАРОДАР

Чу Ағрирас омад зи Омул ба Рай,
Аз он кори ӯ[4] огаҳӣ ёфт кай.

Бад-ӯ гуфт, к-«Ин чист, к-ангехтӣ,
Ки бо шаҳд ҳанзал биёмехтӣ[5]?!

Бифармудамат, к-ин бадонро бикуш,
Ки ҷои хирад нест у ҳангоми ҳуш.

Ба дониш наёяд сари[6] ҷангҷӯй,
Биёбад[7] ба ҷанг - андарун обрӯй.

Сари марди ҷангӣ хирад наспарад,
Ки ҳаргиз наёмехт кин бо хирад.»

1. ИЛ-Зол.
2. И-Ки буданд баста ба чанголи шер.
3. Л-ҳама.
4. Л-В-аз он корҳо.
5. ИЛ-баромехтӣ.
6. Л-Пур аз хашм бояд дили.
7. Л-Набояд.

www.sattor.com

Чунин дод посух ба Афросиёб,
Ки «Лахте бишояд ҳам аз[1] шарму об.

Ҳар он гаҳ к-ат омад[2] ба бад дастрас,
Зи Яздон битарсу макун бад ба кас,

Ки тоҷу камар чун ту бинад басе,
Нахоҳад шудан ром бо ҳар касе.»[3]

Чу бишнид Афросиёб ин сухун,
На сар дид посух мар онро, на бун.[4]

Яке пур зи оташ, яке пурхирад,
Хирад бо сари дев кай дархурад.

Сипаҳбад барошуфт чун пили маст,
Ба посух ба шамшер ёзид даст.

Миёни бародар ба ду ним кард,
Чунон некдил шуд ҳушивор[5] мард.

Чу аз кори Ағрираси номдор
Хабар шуд сӯи Золи Соми савор.

---

1. Л-бибояд ҳаме.
2. Л-ки ёбӣ.
3. ТПЗ - Агар доддеҳ бошӣ, эй номҷӯй,
Шавӣ бар ҳама орзу комҷӯй.
Зи худ дод додан ба ҳар неку бад
Беҳ аз ҳар чи гӯӣ ба назди хирад.
Раҳи растагорӣ зи деви палид
Ба кирдори хубӣ биёяд падид
Ба назди кеҳону ба назди меҳон
Ба озори мӯре наярзад ҷаҳон
Дароз аст дасти фалак бар бадӣ,
Ҳама некуӣ кун, агар бихрадӣ,
Чу некӣ кунӣ, некӣ ояд барат,
Бадиро бадӣ бошад андарх(в)арат.
4. Л-б. 598 нест
5. Л-Чунон тезсар ноҳушивор.

www.sattor.com

Чунин гуфт, к-«Акнун сари бахти ӯй
Шавад тору вайрон шавад тахти ӯй.»[1]

Бизад нои рӯину барбаст кӯс,
Биёрост лашкар чу чашми хурӯс.

Сипаҳбад[2] сӯи Порс бинҳод рӯй,
Ҳаме рафт пурхашму дил киначӯй.

Зи дарё ба дарё ҳама мард буд,
Рухи[3] моҳу хуршед пургард буд.

Чу бишнид Афросиёб ин сухун,
Ки Дастони ҷангӣ чӣ афканд бун,

Биёвард лашкар сӯи Хори Рай,
Биёрост ҷангу бияфшурд пай.

Талоя шабу рӯз дар ҷанг буд,
Ту гуфтӣ, ки гетӣ ба як ранг буд.[4]

Мубориз ҳаме кушта шуд бар ду рӯй,
Ҳама номдорони пархошҷӯй.

Баромад ду ҳафта бар ин рӯзгор,
Пиёда бимонда зи кору савор.[5]

---

1. ТПЗИ - В-аз он пас биёрост якчанд гоҳ,
Ки то чун бисозед*, кори сипоҳ.
* И-бисозанд.
2. Л-шитобон.
3. Л-Ба рух.
4. И-б. 608, 609 нест.
5. Л-б. 611 нест.

www.sattor.com

ЗАВИ ТАҲМОСП

Подшоҳии ӯ панҷ сол буд

Шабе Зол биншаст ҳангоми хоб,
Сухан гуфт бисёр з-Афросиёб,

Ҳам аз размзан номдорони хеш,
Ҳам аз паҳлавонону ёрони хеш.

Ҳаме гуфт: «Ҳарчанд к-аз паҳлавон
Бувад бахт бедору равшан равон,

Бибояд яке шоҳи хусравнажод,
Ки дорад гузашта суханҳо ба ёд.

Ба кирдори киштист кори сипоҳ,
Ҳамаш боду ҳам бодбон подшоҳ.[1]

Агар дораде Тусу Густаҳм фар,
Сипоҳ асту гурдони бисёрмар.

Ҳар он номвар, к-ӯ набошад-ш рой,
Ба тахту бузургӣ набошад сазой.[2]

Назебад бар эшон ҳаме тоҷу тахт,
Бибояд яке шоҳи пирӯзбахт,[3]

Ки бошад бад-ӯ фарраи эзадӣ,
Битобад зи гуфтори[4] ӯ бихрадӣ.»[5]

Зи тухми Фаридун биҷустанд чанд,
Яке шоҳ зебои тахти баланд.

---

1. Л-бахти шоҳ.
2. Л-б. 7 нест.
3. ИЛ-бедорбахт.
4. Л-дайҳими.
5. ТПЗИ - Зи паҳлӯ ҳама мӯбадонро бихонд,
   В-аз ин гуфта чанде суханҳо биронд.

www.sattor.com

Надиданд ҷуз пури Таҳмосп Зу,[1]
Ки зӯри каён дошту фарҳанг ӯ.[2]

Бишуд Қорану мӯбаду марзбон,
Сипоҳе зи гурдони кундоварон.[3]

Яке мужда бурданд наздики Зав,
Ки тоҷи Фаридун ба ту гашт нав.

Сипаҳдор Дастону яксар сипоҳ
Туро хостанд, эй[4] сазовор шоҳ.[5]

Ба рӯзи ҳумоюн Зави некбахт
Биёмад, баромад бар афрози тахт.

Бузургон бар ӯ офарин хонданд,
Нисори шаҳӣ бар вай афшонданд.[6]

Ба шоҳӣ бар ӯ офарин кард Зол,
Нишаст аз бари тахт Зав панҷ сол.

Куҳан буд дар[7] сол ҳушёрмард,
Ба доду ба хубӣ ҷаҳон тоза кард.

Сипаҳро зи роҳи[8] бадӣ боздошт,
Ки бо покяздон ба дил[9] роз дошт.

Гирифтан наёрасту бастан[10] касе,
В-аз он пас надиданд хастан касе.[11]

1. ИЛ-Зав.
2. Л-Ки фарри каён дошту фарҳангу (?) гав.
3. Л-Гурӯҳе ҳунарпарвару хушзабон.
4. И-хостандӣ.
5. ТПЗ - Сар омад ҳама кори Нӯзар чу буд,
Кунун кори Завро бибояд шунуд.
6. Л-б. 16 нест.
7. ИЛ-бар.
8. ИЛ-кори.
9. ИЛ-ҳама.
10. Л-куштан басе.
11. И-бар.

www.sattor.com

Ҳамон буд, ки тангӣ буд андар ҷаҳон,
Шуда хушк хоку гиёро даҳон.

Наёмад ҳаме з-осмон обу нам,
Ҳаме баркашиданд нон бо[1] дирам.

Ду лашкар бад-ин гуна бар панҷ моҳ
Ба рӯй андаровարда рӯи сипоҳ.

Бикарданд ҳар рӯз[2] ҷанги гарон,
Ки зӯри[3] ялон буду разми сарон.

Зи тангӣ чунон шуд, ки чора намонд,
Зи лашкар ҳаме пуду тора намонд.

Сухан рафташон як ба як ҳамзабон,
Ки аз мост бар мо бади осмон.

Зи ҳар ду сипаҳ хост фарёду ғав,
Фиристода омад ба наздики Зав,

Ки аз[4] баҳри мо з-ин сарои сипанҷ
Наёмад ба ҷуз дарду андӯҳу ранҷ.

Биё, то бибахшем рӯи замин,
Сароем бар якдигар офарин.

Сари номдорон тиҳӣ шуд зи ҷанг,
Зи тангӣ набуд рӯзгори диранг.

Бар он барниҳоданд яксар[5] сухан,
Ки дар дил надоранд кини куҳан.

1. Л-Ду хусрав бар он гуна то ҳашт.
2. Л-як рӯз.
3. Л-рӯзи.
4. ИЛ-гар.
5. ИЛ-ҳарду.

www.sattor.com

Бубахшанд гетӣ ба расму ба дод,
Зи кори гузашта наёранд [1] ёд.[2]

Зи Ҷайҳун ҳаме то сари марзи Тур
Аз он бахши гетӣ зи наздику дур.[3]

Раворав чунин то ба Чину Хутан
Супурданд шоҳӣ бад-он анҷуман.

Зи марзе куҷо марзи хиргоҳ буд,
Аз ӯ Золро даст кӯтоҳ буд.

Аз ин рӯй туркон наҷӯянд роҳ,
Чунин бахш карданд тахту кулоҳ.

Сӯи Порс лашкар бурун ронд Зав,
Куҳан буд, лекин ҷаҳон кард нав.

Сӯи Зобулистон бишуд Золи Зар,
Ҷаҳоне гирифтанд яксар ба бар.[4]

Пур аз ғулғули раъд шуд кӯҳсор,
Замин шуд пур аз рангу бӯю нигор.

Ҷаҳон чун арӯсе расида ҷавон,
Пур аз чашмаву боғу оби равон.

Чу мардум надорад ниҳоди паланг,
Нагардад замона бар ӯ тору танг.

1. Л-надоранд.
2. ТПЗ - Чу з-ин гуна омад сухан дар миён,
Бузургони Эрону турониён
Нишастанд бо сулҳу гуфтанд боз,
Ки аз кина бо ҳам нагирем соз.
3. Л - Зи рӯди Абушшаҳр то марзи Рум
Аз он бахши гетиву обод бум.
4. ТПЗ - Ҳамон лашкари турк рафтанд боз,
Баросуда аз кину пайкору соз.
Чу аз ҳамдигар бозгашт он сипоҳ
Ба фармони дорандаи ҳуру моҳ...

www.sattor.com

Меҳонро ҳама анҷуман кард Зав,
Ба додор бар[1] офарин хонд нав.

Фарохӣ, ки аз тангӣ омад падид,
Ҷаҳонофарин дошт онро калид.

Ба ҳар сӯ яке ҷашнгаҳ сохтанд,
Дил аз кину нафрин бипардохтанд.

Чунин то баромад бар ин панҷ сол,
Набуданд огаҳ зи ранҷу вабол.[2]

Замона ҳамоно шуд аз дод сер,
Ҳаме хост, к-ояд ба чанголи шер.

Чу сол андаромад ба ҳаштоду шаш,
Бипажмурд солори хуршедфаш.[3]

Бишуд[4] бахти эрониён кундрав,
Шуд он додгустар ҷаҳондор Зав.

ГАРШОСП

Подшоҳии ӯ нӯҳ сол буд

Писар буд Завро яке хешком,
Падар карда будиш Гаршосп ном.

Биёмад, нишаст аз бари тахтгоҳ,
Ба сар барниҳод он каёнӣ кулоҳ.

Чу биншаст бар тахтгоҳи падар,
Ҷаҳонро ҳаме дошт бо зебу фар.

Хабар шуд ба туркон, ки Зав даргузашт,
Бад-он сон ки буд, тахт бе шоҳ гашт.

---

1. И-бас
2. Л-Нагаштанд бо якдигар бадсигол.
3. Хуршедваш.
4. ИЛ-Бибуд.

www.sattor.com

Хурӯшиду бифканд киштӣ бар[1] об,
Биёмад ба Хори Рай Афросиёб.

Наёвард як тан дуруди Пашанг,
Сараш пур зи кин буду дил пур зи ҷанг.

Дилаш худ зи тахту кулаҳ гашта буд,
Ба тимориАғрирас оғушта буд.

Бад-ӯ рӯй нанмуд ҳаргиз Пашанг,
Шуд он теғи равшан пур аз тиразанг,

Фиристода рафтӣ ба наздики ӯй,
Ба солу ба маҳ буд, ки нанмуд рӯй.[2]

Ҳаме гуфт: Агар тахтро сар будӣ,
Чу Ағрирасаш ёр дарх(в)ар[3] будӣ.

Ту хуни бародар бирезӣ ҳаме,
Зи парварда мурғе гурезӣ ҳаме.

Туро сӯи душман фиристам ба ҷанг,
Ҳаме бар бародар кунӣ рӯз танг.

Маро бо ту то ҷовидон кор нест,
Ба назди манат роҳи дидор нест.

Чунин то баромад бар ин[4] рӯзгор,
Дарахти бало ҳанзал овард бор.

Бад-он сол Гаршоспи Зав даргузашт
Зи гетӣ ҳамин буд, ҳувайдо бигашт.[5]

Пуровоз шуд гӯш аз ин огаҳӣ,
Ки бекор шуд тахти шоҳаншаҳӣ.

---

1. ИЛ-Бибахшид гетиву бигзошт.
2. Л - Фиристодае рафт наздики ӯй
Зи пеши Пашанг - он шаҳи номҷӯй.
3. Л-Варо рои Ағрирас афсар.
4. И-ӯ.
5. ИЛ-б. 15 нест..

www.sattor.com

Паёме биёмад ба кирдори санг
Ба Афросиёб аз диловар Пашанг,[1]

Ки бигзар зи Ҷайҳуну баркаш сипоҳ,
Мамон, то касе барнишинад ба гоҳ!

Яке лашкар орост[2] Афросиёб
Зи дашти Сапеҷоб то рӯди Об.

Ки гуфтӣ замин шуд сипеҳри равон,
Ҳаме борад аз теғи ҳиндӣ равон.

Бад-он гуна[3] ин лашкари номдор
Биёмад раворав сӯи корзор.

Якояк ба Эрон расид огаҳӣ,
Ки омад харидори тахти меҳӣ.

Чу шуд[4] тахти Эрон зи шоҳон тиҳӣ.
Надиданд худ[5] рӯзгори[6] беҳӣ.

Баромад ҳама кӯю барзан ба ҷӯш,
Зи Эрон саросар баромад хурӯш.

Сӯи Зобулистон ниҳоданд рӯй,
Ҷаҳон шуд саросар пур аз гуфтугӯй.

Бигуфтанд бо Зол чандин дурушт,
Ки гетӣ гирифтӣ бас осон ба мушт.

Паси Сом то ту шудӣ паҳлавон,
Набудем як рӯз равшанравон.

---

1. Л - Паёме биёмад зи назди Пашанг,
   Ба Афросиёб - он диловар наҳанг.
2. ИЛ-лашкари сохт.
3. Л-Ба нӯҳ сол.
4. Л-Бибуд.
5. Л-Надида ҳаме.
6. И-бас рӯи амну.

www.sattor.com

Чу Зав даргузашту писар шоҳ буд,
Бадонро зи бад даст кӯтоҳ буд.

Кунун шуд ҷаҳонҷӯй Гарошосп шоҳ,
Ҷаҳон гашт бешоҳу[1] бесар сипоҳ.

Сипоҳе зи Ҷайҳун бад-ин сӯ кашид,
Ки шуд офтоб аз ҷаҳон нопадид.

Агар чора донӣ,[2] мар инро бисоз,
Ки омад сипаҳбад ба тангӣ фароз.

Чунин гуфт бо меҳтарон Золи Зар,
Ки «То ман бибастам ба мардӣ камар,

Саворе чу ман пой бар зин нагошт,
Касе теғу кӯполи ман[3] барнадошт.

Ба ҷое, ки ман пой бифшордам,
Инони саворон будӣ пордам.

Шабу рӯз дар ҷанг яксон будам,
Зи пирӣ ҳамасола тарсон будам.[4]

Кунун чанбарӣ гашт пушти ялӣ,
Натобам[5] ҳаме ханҷари кобулӣ.

Сипосам ба Яздон к-аз ин бех руст,
Баромад яке шохи фаррух дуруст,

Ки аз вай ҳаме сар ба гардун кашад,
Ба мардӣ бубинӣ, ҳам ӯ чун расад.

---

1. ИЛ-Кунун гашт бе тоҷу.
2. Л-дорӣ.
3. ИЛ-гурзу теғи маро
4. ТПЗИ- Ба рӯзи ҷавонӣ ба зӯри ду пой,
   Чу боди базон ҷастаме ман зи ҷой.
5. И-Нашояд.

www.sattor.com

Кунун гашт Рустам чу сарви саҳӣ,
Бизебад[1] бар ӯ-бар кулоҳи меҳӣ.

Яке аспи ҷангиш бояд ҳаме,
К-аз ин тозиаспон нашояд ҳаме.

Бичӯям яке бораи пилтан,
Бихоҳам зи ҳар сӯ, ки ҳаст анҷуман.

Бихонам ба Рустам - бар[2] ин достон,
Ки ҳастӣ бар ин кор ҳамдостон,

Ки бар кинаи тухмаи Зодшам,
Бубандӣ миёну набошӣ дижам.»

Ҳама шаҳри Эрон ба[3] гуфтори ӯй
Бибуданд шодондилу тозарӯй.

Зи ҳар сӯ ҳаюне таковар битохт,
Силеҳи[4] саворони ҷангӣ бисохт.

Ба Рустам чунин гуфт, к-«Эй пилтан,
Ба боло сарат бартар аз анҷуман,

Яке кор пеш асту ранҷе дароз,
К-аз ӯ бигсилад хоби орому ноз.

Туро низ, пуро, гаҳи разм нест,
Чӣ созам, ки ҳангомаи базм нест.

Ҳанӯз аз лабат шир бӯяд ҳаме,
Дилат нозу шодӣ бичӯяд ҳаме.

Чӣ гуна фиристам ба дашти набард
Туро назди шерону мардони мард?![5]

1. Л-Ки зебад.
2. Л-бари Рустам.
3. Л-зи.
4. И-салеҳу.
5. И-пур кину дард.

www.sattor.com

Чӣ гӯӣ, чӣ созӣ,[1] чӣ посух диҳӣ,
Ки ҷуфти ту бодо меҳиву беҳӣ?!»

Чунин посух овард Рустам бад-ӯй,
Ки «Эй номвар меҳтари номҷӯй,

Ҳамоно фаромӯш кардӣ зи ман,
Далерӣ намудан ба ҳар анҷуман.

Зи кӯҳи Сипанду зи пили жиён,
Гумонам, ки огоҳ буд паҳлавон.

Кунун гар битарсам зи пури Пашанг,
Намонад зи ман дар ҷаҳон бӯю ранг.

Кунун гоҳи разм асту овехтан,
На ҳангоми нанг асту бигрехтан.

Зи афкандани шери шарза-ст мард,
Ҳамон ҷустани разму дашти набард.

Занонро аз он ном н-ояд баланд,
Ки пайваста дар хӯрдану хуфтананд».

Бад-ӯ гуфт, Зол: «Эй далери ҷавон,
Сари номдорону пушти гавон.

Зи кӯҳи Сипанду зи пили сапед
Сурудиву додӣ диламро навид.

Ҳамоно, ки он разм осон будӣ,
Дилам з-ин сухан кай ҳаросон будӣ?

Валекин зи кирдори Афросиёб
Шаби тира рафтан наёрам ба хоб.

Чӣ гуна фиристам туро пеши ӯй,
Ки шоҳи далер асту пархошҷӯй?

1. И-чӣ созам.

www.sattor.com

Туро гоҳи базм асту овои руд,
Кашидан маю паҳлавонӣ суруд.

На ҳангоми разм асту нангу набард,
Баровардан аз хок бар моҳ гард.»[1]

Чунин гуфт Рустам ба Дастони Сом,
Ки «Ман нестам марди ороми ҷом.

Чунин ёлу ин чангҳои дароз
На воло бувад парваридан ба ноз.

Агар дашти кин асту гар ҷанги сахт,
Бувад ёр Яздону пирӯз бахт.[2]

Бубинӣ, ки дар ҷанг ман чун шавам,
Ки бо бору гулранг дар хун шавам.[3]

Яке абр дорам ба чанг - андарун,
Ки ҳамранги об асту борон-ш хун.

Ҳаме оташ афрӯзад аз гавҳараш,
Ҳаме мағзи пилон бисояд сараш.

Ҳар он гаҳ, ки ҷавшан ба бар даркашам,
Замона барандешад аз таркашам.[4]

---

1. ИЛ-б. 52-65 нест.
2. ТПЗИЛ - Ҳар он гаҳ ки чочӣ ба зеҳ даркашам*,
Ситора фурӯ резад** аз таркашам.
*И-Чочикамон баркашам; **И-Замона барорад сар; Л-Замона
3. Л-Чу бо Рахши гулгун ба ҳомун шавад; И-Чу андар сафу зери ҷавшан.
4. ТПЗ - Саронш-он бикӯбам бад-он гурз бар,
Наёяд барам ҳеч пархошх(в)ар*.
Шикаста кунам ман бад-ӯ пушти пил,
Зи хун руд ронам чу дарёи Нил.
Яке диръ хоҳам зи бабри баён,
Ки аз обу оташ набошад зиён.
На тиру на найза гузор оядаш,
Бар ӯ ҳеч захме на кор оядаш.
*Л-танҳо б. аввал мавҷуд аст.

www.sattor.com

Ҳар он бора, к-ӯ захми кӯполи ман
Бубинад, бару бозуву ёли ман,

Натарсад зи арродаву манҷаниқ,
Нигаҳбон набояд варо ҷосалиқ.

Чу сар пеш дорад синонам ба ҷанг,
Бигирад зи хунаш дили санг ранг.

Яке бора бояд чу кӯҳи баланд,
Чунон чун ман орам ба хамми каманд,

Ки зӯри маро тоб орад ба ҷанг,
Шитобаш набошад ба ҷои диранг.

Яке гурз хоҳам чу як лахти кӯҳ,
Ки ояд ба пешам зи Турон гурӯҳ.[1]

Гар оянд, разме кунам, бесипоҳ,
Ки хун борад аз абри овардгоҳ.»

Чунон шуд зи гуфтори ӯ паҳлавон,
Ки гуфтӣ барафшонд хоҳад равон.

Ба посух чунин гуфт Дастони Сом,
Ки «Эй саргашта зи орому ҷом.

Биёрам барат гурзи Соми савор,
К-аз ӯ дорам андар ҷаҳон ёдгор.

Фикандӣ бад-он гурз пили жиён,
Ки ҷовид бодӣ ту, эй паҳлавон!»

---

1. Л-Яке разм созам чунон бесипоҳ,
Ки хун борад абр андар овардгоҳ.
ТПЗ – Набошад хаданги маро пойдор,
Куҷо з-оҳане карда бошад гузор.
Кунам рӯи кишвар ҳама бесипоҳ,
Синонам гузар гирад аз чарху моҳ.
Ҳама роҳу расми паланг оварам,
Сари саркашон зери чанг оварам*.

*Л-танҳо байти охир мавҷуд аст

www.sattor.com

Бифармуд, к-он гурзи Соми савор,
Ки гардӣ ба Мозандарон корзор,

Биёранд зӣ паҳлави номдор,
Бар он, то барорад зи душман димор.

Зи Гаршоспшаҳ монда буд ёдгор
Падар то падар то ба Соми савор.[1]

Таҳамтан чу гурзи ниёро бидид,
Ду лаб кард хандону шодӣ гузид.

Яке офарин хонд бар Золи Зар,
Ки «Эй паҳлавони ҷаҳон сар ба сар.

Яке асп хоҳам, куҷо гурзи ман
Кашад бо чунин фарраву бурзи ман».

Сипаҳбад зи гуфтори ӯ хира монд,
Бад-ӯ ҳар замон номи Яздон бихонд.[2]

ГИРИФТАНИ РУСТАМ РАХШРО

Гала ҳар чи будаш зи Зобулситон,
Биёвард чанде зи Кобулситон.

Ҳама пеши Рустам ҳаме ронданд,
Бар ӯ доғи шоҳон ҳаме хонданд.

Дар аспе, ки Рустам кашидӣ ба пеш,
Ба пушташ фишурдӣ ҳаме[3] дасти хеш,

Зи нерӯи ӯ пушт кардӣ ба ҳам,
Ниҳодӣ ба рӯи замин-бар шикам.

1. И-б. 86 нест.
2. Л-б. 81-90 нест.
3. И-кафи.

www.sattor.com

Чунин то биёмад якояк ба танг,[1]
Фасила ҳаме ронданд[2] ранг-ранг.

Яке модиён тез бигзашт хинг,
Бараш чун бари шеру кӯтоҳлинг.

Ду гӯшаш чу ду ханҷари обдор,
Бару ёл фарбеҳ, миёнаш низор.

Яке курра аз пас ба болои ӯ,
Сурину бараш ҳам ба паҳнои ӯ.

Сияҳчашму бӯрабрашу говдум,
Сияҳхояву тунду пӯлодсум.[3]

Танаш пурнигор аз карон то карон,
Чу барги гули сурх бар заъфарон.[4]

Ба шаб мӯрча бар палоси сиёҳ
Бидидӣ ба чашм аз ду фарсанг роҳ,

Ба нерӯй пилу ба боло ҳаюн,
Ба заҳра чу шери куҳи Бесутун[5],

Чу Рустам бад-он модиён бингарид,
Мар он курраи пилтанро бидид,

Каманди каёнӣ ҳаме дод хам,
Ки он курраро боз гирад зи рам.

---

1. ИЛМ-зи Кобул даранг.
2. ИЛ-ҳаме тохт аз.
3. Л-пас аз б. 100 ин б. омада:
   Синонгӯшу маҳтозишу чархгард,
   Заминкӯбу дарёбуру раҳнаворд,
   Гузоранда аз пешу раҳбар зи пас,
   Ҳамедараҳону гурезандарас.
   Аз андешаи дил сабукпӯйтар,
   Зи роҳи хирадманд раҳҷӯйтар.
4. ТПЗЛ- Чи бар об будӣ, чи бар хушкроҳ,
   Ба рӯз аз хур афзун будӣ, шаб зи моҳ.
5. И-б. 101, 102 нест

www.sattor.com

Ба Рустам чунин гуфт чӯпони пир,
Ки «Эй меҳтар, аспи касонро магир!»

Бипурсид Рустам, ки «Ин аспи кист,
Ки аз доғ рӯи ду ронаш тиҳист?»

Чунин дод посух, ки «Доғаш маҷӯй,
К-аз ин ҳаст ҳар гунае гуфтугӯй.

Ҳаме Рахш хонему[1] бӯрабраш аст,
Ба хубӣ чу обу ба так[2] оташ аст.

Худованди инро надонем кас,
Ҳаме Рахши Рустам-ш хонем бас.

Се сол аст, то ин ба зин омадаст,
Ба чашми бузургон гузин омадаст.[3]

Чу модар-ш бинад каманду[4] савор,
Чу шер андарояд, кунад корзор.

Надонем, эй паҳлавони ҷаҳон,
Чӣ роз аст бо ин ҳам андар ниҳон.

Бипарҳез ту, эй ҳушивор мард,
Ба гирди чунин аждаҳо - бар магард,

Ки ин модиён чун дарояд ба ҷанг,
Бидаррад дили шеру чарми паланг.»

Чу бишнид Рустам бад-он сон сухан,
Бидонист гуфтори марди куҳан.[5]

Бияндохт Рустам каёнӣ каманд,
Сари абраш овард ногаҳ[6] ба банд.

---

1. Л-хонанду.
2. Л-ба ранг.
3. И-б. 110 нест.
4. Л-камандӣ.
5. ИЛ-б. 112-115 нест
6. Л-Сару гарданаш андаромад.

www.sattor.com

Биёмад чу пили[1] жиён модараш,
Ҳаме хост кандан ба дандон сараш.

Биғуррид Рустам чу шери жиён,
Зи овози ӯ хира шуд модиён.

Яке мушт зад бар сару гарданаш,
Ба хок - андар афканд ларзон танаш.[2]

Бияфтоду барҷасту[3] баргашт аз ӯй,
Ба сӯи гала зуд[4] бинҳод рӯй.

Бияфшурд рон Рустами зӯрманд,
Бар ӯ тангтар кард ҳамми каманд.

Биёзид чанголи гурдӣ ба зӯр,
Бияфшурд як даст бар пушти бӯр.

Накард эч пушт аз фишурдан тиҳӣ,
Ту гуфтӣ надорад ҳаме[5] огаҳӣ.

Ба дил гуфт, к-ин бар нишасти ман аст,
Кунун кор кардан ба дасти ман аст.

Баромад чу боди дамон аз бараш,
Бишуд тез гулранг зер - андараш.[6]

Зи чӯпон бипурсид, к-«Ин аждаҳо
Ба чанд асту инро кӣ донад баҳо?»

Чунин дод посух, ки «Гар[7] Рустамӣ,
Бирав, рост кун рӯи Эронзамӣ.

1. ИЛ-шери.
2. ИЛ-б. 119 нест.
3. ИЛ-Бархосту.
4. ЛИ-тез.
5. Л-магар.
6. Л-б. 125 нест.
7. И-агар.

www.sattor.com

Мар инро бару буми Эрон бихост,
Бар ин - бар ту хоҳӣ ҷаҳон кард[1] рост.»

Лаби Рустам аз ханда шуд чун бусад,
Чунин[2] гуфт, некӣ зи Яздон сазад.

Ба зин андар овард гулрангро,
Сараш тез шуд кинаву ҷангро.

Кушодазанах кардашу тезтаг,
Бидидаш, ки дорад дилу зӯру раг.

Кашад ҷавшану хӯду кӯполро,
Тани паҳлавону бару ёлро.[3]

Чунон гашт абраш, ки дар[4] шаб сипанд,
Ҳаме сӯхтандаш зи баҳри газанд.

Чапу рост гуфтӣ, ки ҷоду шудаст,
Ба овард тозанда оҳу шудаст.

Занахнарму кафкафкану[5] дасткаш,
Сурингирду[6] бинодилу гомх(в)аш.

Дили Золи Зар шуд чу хуррамбаҳор,
Зи Рахши навоину фаррухсавор.

Дари ганҷ букшоду динор дод,
Бар имрӯзу фардо наёмад-ш ёд.

Бизад мӯҳра дар ҷом бар пушти пил,
В-аз ӯ бар шуд овоз бар чанд мил.

---

1. И-хоҳад ҷаҳон гашт.
2. Л-Ҳаме.
3. ТПЗИ- Чу з-ин сон ба чанг омадаш борагӣ,
   Дил аз ғам бипардохт якборагӣ.
4. ИЛ-хар.
5. ИЛ-кафафкуну.
6. -Суриппаҳну.

www.sattor.com

ЛАШКАР КАШИДАНИ ЗОЛ БА СӮИ АФРОСИЁБ

Хурӯшидани кӯс бо каррной,
Ҳамон жандапилону ҳиндидарой.

Баромад зи Зобулситон растахез,
Замин мурдаро[1] бонг барзад, ки «Хез!»

Сипоҳе баромад зи Зобул бурун,
Чу шерон ҳама даст шуста ба хун.

Ба пеш - андарун Рустами паҳлавон,
Паси пушти ӯ солхӯрда гавон.

Чунон шуд зи лашкар дару дашту роғ,
Ки бар сар наёраст паррид зоғ.

Табира заданди ҳама шаб ба[2] чой,
Ҷаҳонро на сар буд пайдо, на пой.

Ба ҳангоми бишкуфтани гулистон
Биёвард лашкар зи Зобулистон.

Зи Зол огаҳӣ ёфт Афросиёб,
Баромад зи орому аз хӯрду хоб.

Биёвард лашкар суи Хори[3] Рай,
Бад-он марғзоре,[4] ки буд обу най.

В-аз Эрон биёмад дамодам сипоҳ,
Зи роҳи биёбон сӯи размгоҳ.

Зи лашкар ба лашкар ду фарсанг монд,
Ҷаҳондидагонро сипаҳбад бихонд.

1. Л-хуфтаро
2. Л-ҳаме шаст.
3. Л-руди.
4. Л-Дари марғзорон.

www.sattor.com

Бад-эшон чунин гуфт, к-«Эй бихрадон,
Ҷаҳондидаву коркарда[1] радон.

Ҳам эдар басе лашкар оростем,[2]
Басе некӯиву беҳӣ хостем.[3]

Пароканда шуд рой бе тахти шоҳ,
Ҳама кор бебӯю[4] бесар[5] сипоҳ.

Чу бар тахт биншаст фархунда Зав,
Зи гетӣ яке офарин хост нав.

Шаҳе бояд акнун[6] зи тухми каён,
Ба тахти каӣ - бар камар бар миён.[7]

Нишон дод мӯбад маро дар замон,[8]
Яке шоҳи бофарру бурзи каён.[9]

Зи тухми Фаридуни ял Кайқубод,
Ки бо фарру бурз асту бо расму дод.

---

1. Л-кордида.
2. Л-ороста.
3. Л-хостам.
   И- Ҳам андар ҳаме лашкар оростем,
   Басе сарвариву меҳӣ хостем.
4. ИЛ – берӯю.
5. Л – бемор.
6. Л-Яке моҳ бояд.
7. ТПЗИ – Шаҳе, к-ӯ ба авранг дорад замӣ,
   Ки бесар набошад тани одамӣ.
8. И-Нишон дод мӯбад ба мо фаррухон.
9. И-бахти ҷавон.

www.sattor.com

М У Н Д А Р И Ҷ А

ФЕҲРИСТИ ФУСУЛИ ҶИЛДИ АВВАЛ

Дар бораи «Шоҳнома», нусхаҳои асосӣ ва нашрҳои комили он....................5
Пешгуфтори нахустин комили "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ дар Тоҷикистон ..14
Рӯйхатти нусхаҳои истифодашуда ва аломатҳои шартӣ..............................20

Оғози китоб 23
Гуфтор андар ситоиши хирад 24
Гуфтор дар офариниши олам 26
Гуфтор дар офариниши мардум 28
Гуфтор андар офариниши Офтоб...29
Дар офариниши Моҳ...30
Ситоиши пайғамбар ва ёронаш..31
Гуфтор андар фароҳам овардани «Шоҳнома» 33
Достони Дақиқии шоир 35
Гуфтор дар бунёд ниҳодани китоб 36
Андар ситоиши Абӯмансур ибни Муҳаммад..37
Андар ситоиши Султон Маҳмуд 39

Оғози достон. Подшоҳии Каюмарс-аввалини мулуки аҷам сӣ сол буд 43
Кушта шудани Сиёмак бар дасти дев...46
Рафтани Ҳушанг ва Каюмарс ба ҷанги дев 48

Ҳушанг. *Подшоҳии Ҳушанг ҷиҳил сол буд*...50
Бунёд ниҳодани ҷашни Сада...52

Таҳмурас. *Подшоҳии Таҳмурас сӣ сол буд* 54

Ҷамшед. *Подшоҳии Ҷамшед ҳафтсад сол буд*..58
Достони Заҳҳок бо падараш 66
Холигарӣ кардани иблис..71
Табоҳ шудани рӯзгори Ҷамшед...75

Заҳҳок. *Подшоҳии Заҳҳок ҳазор сол буд*..77
Андар хоб дидани Заҳҳок Фаридунро..81
Андар зодани Фаридун 87
Пурсидани Фаридун нажоди худро аз модар 90

www.sattor.com

Достони Заҳҳок бо Коваи Оҳангар 93
Рафтани Фаридун ба ҷанги Заҳҳок 101
Дидани Фаридун хоҳарони Ҷамшедро 107
Достони Фаридун бо вакили Заҳҳок 111
Банд кардани Фаридун Заҳҳокро 115
Фаридун. *Подшоҳии Фаридун понсад сол буд* 123
Бар тахт нишастани Фаридун 123
Фиристодани Фаридун Ҷандалро ба Яман 128
Посух додани шоҳи Яман Ҷандалро 135
Рафтани писарони Фаридун назди шоҳи Яман 139
Афсунгарӣ озмудани Сарв бар писарони Фаридун 141
Озмудани Фаридун писарони худро 144
Бахш кардани Фаридун ҷаҳонро бар писарон 149
Рашк бурдани Салм бар Эраҷ 150
Пайғоми Салм ва Тур ба наздики Фаридун 153
Посух додани Фаридун писаронро 157
Рафтани Эраҷ назди бародарон 163
Кушта шудани Эраҷ бар дасти бародарон 167
Огоҳӣ ёфтани Фаридун аз кушта шудани Эраҷ 171
Гуфтор андар зодани духтари Эраҷ 175
Зодани Манучеҳр аз модараш 176
Огоҳ шудани Салм ва Тур аз Манучеҳр 179
Пайғом фиристодани писарон назди Фаридун 182
Посух додани Фаридун писаронро 184
Фиристодани Фаридун Манучеҳрро ба ҷанги Тур ва Салм 192
Тохт кардани Манучеҳр бар сипоҳи Тур 197
Кушта шудани Тур бар дасти Манучеҳр 201
Фатҳномаи Манучеҳр назди Фаридун 204
Гирифтани Қоран Дижи Алононро 206
Тохт кардани Кокуй - набераи Заҳҳок 211
Гурехтани Салм ва кушта шудани ӯ ба дасти Манучеҳр 215
Фиристодан сари Салмро ба назди Фаридун 219
Гуфтор андар мурдани Фаридун 223

Манучеҳр. *Подшоҳии ӯ саду бист сол буд* 225
Гуфтор андар зодани Зол 229
Хоб дидани Сом аз ҳоли писар 234
Огоҳ шудани Манучеҳр аз кори Сом ва Золи Зар 243
Бозгаштани Зол ба Зобулистон 247
Подшоҳӣ додани Сом Золро 250
Омадани Зол ба назди Меҳроби Кобулӣ 254
Рой задани Рӯдоба бо канизакон 260
Рафтани канизакони Рӯдоба ба дидани Золи Зар 266
Бозгаштани канизакон ба назди Рӯдоба 274
Рафтани Зол ба назди Рӯдоба 277
Рой задани Зол бо мӯбадон дар кори Рӯдоба 282

www.sattor.com

Нома навиштани Зол наздики Сом ва аҳвол намудан 287
Рой задани Сом бо мӯбадон дар кори Зол 292
Огоҳӣ ёфтани Синдухт аз кори Рӯдоба 295
Огоҳ шудани Меҳроб аз кори духтараш 301
Огоҳ шудани Манучеҳр аз кори Зол ва Рӯдоба 309
Омадани Зол ба назди Манучеҳр 312
Рафтани Сом ба ҷанги Меҳроб 317
Рафтани Зол ба расулӣ назди Манучеҳр 323
Хашм гирифтани Меҳроб бар Синдухт 330
Дилхушӣ додани Сом Синдухтро 334
Омадани Зол бо номаи Сом ба назди Манучеҳр 342
Пижӯҳиш кардани мӯбадон аз Зол 346
Посух додани Зол мӯбадонро 348
Ҳунар намудани Зол дар пеши Манучеҳр 352
Посухи номаи Сом аз Манучеҳр 355
Расидани Зол ба наздики Сом 360
Гуфтор андар зодани Рустам 367
Омадани Сом ба дидани Рустам 376
Куштани Рустма пили сапедро 382
Рафтани Рустам ба кӯҳи Сипанд 388
Фирӯзинома навиштани Рустам ба Зол 392
Номаи Зол ба Сом 395
Андарз кардани Манучеҳр писарашро 397

Нӯзар. *Подшоҳии ӯ ҳафт сол буд* 400
Бар тахт нишастани Нӯзар 400
Огоҳ шудани Пашанг аз марги Манучеҳр 408
Омадани Афросиёб ба Эронзамин 413
Разми Бормон ва Қубод ва кушта шудани Қубод 415
Разми Афросиёб бо Нӯзар дигар бор 422
Ҷанги Нӯзар бо Афросиёб бори севум 426
Гирифтор шудани Нӯзар ба дасти Афросиёб 432
Кушта ёфтани Виса писари худро 434
Тохт кардани Шамосос ва Хазарвон ба Зобулистон 437
Расидани Зол ба мадади Меҳроб 439
Кушта шудани Нӯзар ба дасти Афросиёб 444
Огоҳӣ ёфтани Зол аз марги Нӯзар 447
Кушта шудани Ағрирас ба дасти бародар 454

Зави Таҳмосп. *Подшоҳии ӯ панҷ сол буд* 457

Гаршосп. *Подшоҳии ӯ нӯҳ сол буд* 461
Гирифтани Рустам Рахшро 469
Лашкар кашидани Зол ба сӯи Афросиёб 474

www.sattor.com

АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

ШОҲНОМА

Ҷилди II

ДУШАНБЕ,
«АДИБ»
2007

www.sattor.com

ББК 83,3(0)9+83,3 (2 тоҷик)
А-19

Таҳияи матн ва луғату тавзеҳот аз
КАМОЛ АЙНӢ** ва **ЗОҲИР АҲРОРӢ

Муҳаррир
Мубашшир Акбарзод

А-19 ***Абулқосим Фирдавсӣ.* Шоҳнома**. — Душанбе: «Адиб», 2007. -480 саҳ.

Ба хонандаи азиз чопи севуми "Шоҳнома"-и безаволи Ҳаким Фирдавсӣ, ки бо кӯшиши таҳиягарони матни он омода гаштааст, пешкаш мегардад. Муҳаққиқон дар ин нашр аз нусхаҳои дигари "Шоҳнома" истифода кардаанд, ки ин арзиши корашонро бештар мекунад.

ISBN 978-99947-32-84-5

© Нашриёти "Адиб", 2007.

www.sattor.com

ОВАРДАНИ РУСТАМ КАЙҚУБОДРО
АЗ КӮҲИ АЛБУРЗ

Ба Рустам чунин гуфт фархунда Зол,
Ки «Баргир кӯполу бифроз ёл.[1]

Бирав тозиён то ба Албурзкӯҳ,
Гузин кун яке лашкари ҳамгурӯҳ.

Абар Кайқубод офарин кун яке,
Макун пеши ӯ - дар диранг андаке.

Ба ду ҳафта бояд, ки эдар бувӣ,
Гаҳу бегаҳ аз тохтан нағнавӣ.

Бигӯӣ,[2] ки лашкар туро хостанд,
Ҳаме тахти шоҳӣ биёростанд,

Ки дархурди тоҷи каён ҷуз ту кас
Набинем, шоҳо, ту фарёд рас!»,

Чу Золи Зар ин достонҳо бигуфт,
Таҳамтан заминро ба мижгон бируфт.

Ба Рахш андаромад ҳамон гоҳ шод,
Гурозон биёмад бари Кайқубод.

Зи туркон басе буд талоя ба роҳ,
Расиданд дар Рустами кинахоҳ.

Баровехт бо номдорон ба ҷанг,
Яке гурзаи говпайкар ба чанг.

1. ИЛ-бол.
2. Л-Бигӯям.

www.sattor.com

Баровард гурзу баромад ба ҷӯш,
Ҳамекӯфт гурзу ҳамезад хурӯш.[1]

Рамид аз дили турк якбора ҳуш,
Ба бозу басе гашт бетову туш.[2]

Далерони Турон баровехтанд,
Саранҷом аз разм бигрехтанд.

Ниҳоданд сар сӯи Афросиёб,
Ҳама дил пур аз хуну дида пуроб.

Бигуфтанд ӯро ҳама бешу кам,
Сипаҳбад шуд аз кори эшон дижам.

Бифармуд, то назди ӯ шуд Қулун,
Зи туркон далере, гаве пурфусун.

Бад-ӯ гуфт: «Бигзин зи лашкар савор,
В-аз эдар бирав то дари шаҳрёр.

Далеру хирадманду ҳушёр бош,
Ба пос - андарун сахт бедор бош.

Ки Эрониён мардуми римананд,
Ҳаме ногаҳон бар талоя зананд.»

Бурун омад аз назди хусрав Қулун,
Ба пеш - андарун мардуми раҳнамун.

Сари роҳ бар номдорон бубаст
Ба мардони ҷангӣ, ба[3] пилони маст.

---

1. ТПЗ - Яке ҳамла овард Рустам чу кӯҳ,
Ба танҳо тани хештан бегурӯҳ.
Ба як ҳамла аз ҷой баркандашон,
Пароканда аз ҳам дарафгандашон.
Ба ҳар сӯ, ки тозон шудӣ ҷангҷӯй,
Равон гаштӣ аз хун дар он ҷанг ҷӯй.
Фаровон зи турониён кушта шуд,
Ба сар - бар сипеҳри ялон гашта шуд.
2. ИЛ-б. 167, 168 нест
3. ИЛ-ҷангиву.

www.sattor.com

В-аз он рӯй Рустам - далери[1] гузин
Бипаймуд зӣ шоҳи Эронзамин.

Зи як мил раҳ то ба Албурзкӯҳ
Яке ҷойгаҳ дид бас бошукӯҳ.

Дарахтони бисёру оби равон,
Нишастангаҳи мардуми навҷавон.

Яке тахт бинҳода наздики об,
Бар ӯ рехта мушки нобу гулоб.

Ҷавоне ба кирдори тобандамоҳ
Нишаста бар он тахт дар[2] соягоҳ.

Рада баркашида басе паҳлавон,
Ба расми бузургон камар бар миён.

Биёроста маҷлиси шоҳвор,
Ба сони биҳиште ба рангу нигор.

Чу диданд мар паҳлавонро ба роҳ,
Пазира шудандаш аз он ҷойгоҳ.[3]

Бигуфтанд, к-«Эй паҳлави номвар,[4]
Нашояд аз он ҷой кардан гузар,[5]

Ки мо мизбону ту меҳмони мо,
Фуруд ой ин ҷо ба фармони мо.

Бад-он то ба май[6] дасти шодӣ барем,
Ба ёди рухи номвар май х(в)арем».

Таҳамтан бад-эшон чунин гуфт боз,
Ки «Эй номдорони гарданфароз,

---

1. Л-далеру.
2. Л-бар.
3. ТПЗ - Чу наздики Рустам фароз омаданд,
Ба пешаш ҳама дар намоз омаданд.
4. И-номдор.
5. И-гузор.
6. ИЛ-то ҳама.

www.sattor.com

Маро рафт бояд ба Албурзкӯҳ,
Ба коре, ки бисёр дорад[1] шукӯҳ.

Нашояд[2] бимондан аз ин кор боз,
Ки пеш аст бисёр ранҷи дароз.

Ҳама марзи Эрон пур аз душман аст,
Ба ҳар дудае мотаму шеван аст.[3]

Сари тахти Эрон абе шаҳрёр,[4]
Маро бода хӯрдан наёяд ба кор.»[5]

Бигуфтанд, к-«Эй номвар паҳлавон,
Агар сӯи Албурз пӯӣ навон,

Сазад, гар бигӯӣ ту, эй номҷӯй,
Ки он ҷо киро мекунӣ ҷустуҷӯй?

Ки мо хели он марди фархундаем,
Ки эдар чунин базм афкандаем.

Бад-он ҷо туро раҳнамунӣ кунем,
Ба ҳангоми ёрӣ фузунӣ кунем.»

Чунин дод посух бад-он анҷуман,
Ки «Шоҳе бад-он ҷост покизатан.

Сарафрозро Кайқубод аст ном,
Зи тухми Фаридуни бododу ком.[6]

Нишоне диҳедам сӯи Кайқубод,
Касе к-аз шумо дорад ӯро ба ёд.»[7]

---

1. И-бошад.
2. Л-Набояд.
3. ИЛ-б. 192 нест.
4. И-Маро чора бояд паи корзор.
5. ТПЗ – Набояд нишастан ба орому ноз,
К-аз ин ғам надорам нишебу фароз.
6. ИЛ-б. 194 нест.
7. ТПЗ - Чу баргуфт аз ин сон гави пилтан,
Шуниданд гуфтори ӯ анҷуман.

www.sattor.com

Сари он[1] далерон забон баркушод,
Ки «Дорам нишоне ман аз Кайқубод.[2]

Гар ойӣ фуруд андар ин хони мо,
Бияфрӯзӣ аз рӯи худ ҷони мо.[3]

Бигӯям туро ман нишони Қубод,
Ки ӯро чи гунаст расму ниҳод.»

Таҳамтан зи Рахш андаромад чу бод,
Чу бишнид з-он сон[4] нишони Қубод.

Биёмад дамон то лаби рӯдбор,
Нишастанд дар зери он соядор.

Ҷавон аз бари тахти заррин нишаст,
Гирифта яке дасти Рустам ба даст.

Ба дасти дигар ҷом пурбода кард,
В-аз ӯ ёди мардони озода кард.

Дигар ҷоми бода ба Рустам супурд,
Бад-ӯ гуфт, к-«Эй номбардор гурд,

Бипурсидӣ аз ман нишони Қубод,
Ту ин номро аз кӣ дорӣ ба ёд?»

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Эй паҳлавон,
Паём оваридам ба равшанравон.

Сари тахти Эрон биёростанд,
Бузургон ба шоҳӣ варо хостанд.

Падар-м он гузини меҳон сар ба сар,
Ки хонанд[5] ӯро ҳаме Золи Зар,

1. Л-Яке з-он.
2. Гузин Кайқубод.
3. Л-б. 202 нест
4. Л-аз эшон. И-з-ин сон.
5. ИЛ-хонандаш.

www.sattor.com

Маро гуфт, "Рав то ба Албурзкӯҳ,
Қубоди диловар бубин бо гурӯҳ.

Ба шоҳӣ бар ӯ офарин кун яке,
Макун пеши ӯ-дар диранг андаке.

Бигӯяш, ки гурдон туро хостанд,
Сари тахти шоҳӣ биёростанд.

Нишон ар тавонӣ ту додан маро,
Диҳиву ба шоҳӣ расонӣ варо».

Зи гуфтори Рустам далери ҷавон
Бихандиду гуфташ, ки «Эй, паҳлавон,

Зи тухми Фаридун манам Кайқубод,
Падар бар падар ном дорам ба ёд.»

Чу бишнид Рустам, фурӯ бурд сар,
Ба хидмат фуруд омад аз тахти зар,

Ки «Эй хусрави хусравони ҷаҳон,
Паноҳи далерону пушти меҳон,

Сари тахти Эрон ба коми ту бод,
Тани жандапилон ба доми ту бод!

Нишастӣ[1] ту бар тахти шоҳаншаҳӣ,
Ҳамат саркашӣ боду ҳам фарраҳӣ.

Дуруде расонам ба шоҳи ҷаҳон
Зи Золи сипаҳбад,[2] гави[3] паҳлавон.

Агар шоҳ фармон диҳад бандаро,
Ки бикшоям аз банд гӯяндаро.»[4]

1. И-Ки пушти.
2. И-гузину.
3. Л – гузин он яли.
4. ТПЗ - Паёме бигӯям зи ҷанговарон
Ба наздикии шоҳи равшанравон.

www.sattor.com

Қубоди диловар баромад зи ҷой,
Ба гуфтори ӯ дод бас ҳушу рой.

Таҳамтан ҳамон гаҳ забон баркушод,
Паёми сипаҳдори Эрон бидод.

Сухан чун ба гӯши сипаҳбад расид.
Зи шодӣ дил андар бараш бартапид.[1]

Биёред пас-гуфт-ҷоми набид,
Ба ёди Таҳамтан ба лаб баркашид.

Таҳамтан ҳам эдун яке ҷоми май
Бихӯрд, офарин кард бар ҷони кай.

Туӣ аз Фаридуни фаррух нишон,
Ки Рустам шуд аз диданаш шодмон.

Абе ту мабодо ҷаҳон як замон.
На авранги шоҳиву тоҷи каён[2]

Баромад хурӯш аз дили зеру бам,
Фаровон шуда шодӣ, андӯҳ кам[3]

Шаҳаншаҳ чунин гуфт бо паҳлавон,
Ки «Хобе бидидам ба равшанравон,[4]

---

1. Л-дилаш дар бар андартапид.
2. ИЛ-б. 230, 231 нест.
3. ТПЗ – Нишастанд хубони барбатнавоз,
Яке удсӯзу яке удсоз.
Сарояндае ин ғазал соз кард,
Дафу чангу найро ҳамовоз кард,
Ки имрӯз рӯзест бо фарру дод,
Ки Рустам нишастаст бо Кайқубод.
Ба шодӣ замоне барорем ком,
Зи Ҷамшед гӯему нӯшем ҷом.
Бидеҳ, соқии нӯшлаб, ҷоми май,
Бинӯшам ба ёди шаҳи некпай.
Бидеҳ, соқии нӯшлаб, ҷоми Ҷам,
Ки биздояд аз дил даме занги ғам.
4. Аз ин панҷ шин рӯи рағбат матоб
Шабу шоҳиду шаҳду шаъму шароб.
Фалак тундхӯй аст бо ҳар касе
Ту бо ӯ макун тундхӯӣ басе.

www.sattor.com

Ки аз сӯи Эрон ду бози сапед,
Яке тоҷи рахшон ба кирдори шед

Хиромону нозон[1] расидӣ барам,
Ниҳоданд он тоҷро бар сарам.

Чу бедор гаштам, шудам пурумед
Аз он тоҷи рахшону бози сапед.

Биёростам маҷлиси шоҳвор
Бад-ин сон, ки бинӣ бад-ин ҷӯйбор.

Таҳамтан маро шуд чу бози сапед,
Расидам зи тоҷи далерон навид.»

Таҳамтан чу бишнид аз он хоби[2] шоҳ,
Зи бозу зи тоҷи фурӯзон чу моҳ,

Чунин гуфт бо шоҳи кундоварон,
«Нишона-ст хобат зи пайғамбарон.

Кунун хез, то сӯи Эрон шавем,
Ба ёрӣ ба назди далерон шавем.

Қубод андаромад чу оташ зи ҷой,
Ба бӯри набард андаровард пой.

Камар бар миён баст Рустам чу бод,
Биёмад гурозон або Кайқубод.

Маи лаъл хур, хуни дилҳо марез,
Ту хокӣ, чу оташ машав тунду тез.
Маи лаългун хуштар аст, эй салим,
Зи хунобаи андаруни ятим.
Агар доман олуда гардад ба май,
Ҳаром аст, ҳазме надорад ба пай.
Аз он оби рангин ба наздики ман
Беҳ аз он ки нафрин кунад пирзан.
Аз абрешими чангу овози руд
Сароянда ин байтҳо месуруд.

1. ТПЗ - Чу давре бигашт аз маи арғавон,
Барафрӯхт рухсори шоҳи ҷаҳон.

2. ИЛ – тозон.

www.sattor.com

Шабу рӯз аз тохтан нағнавид,
Чунин то ба назди талоя расид.

Қулуни диловар шуд огаҳ зи кор,
Пазира биёмад сӯи корзор.

Шаҳаншоҳи Эрон чу з-он гуна дид,
Баробар ҳаме хост саф баркашид.

Таҳамтан бад-ӯ гуфт, к-«Эй шаҳрёр,
Туро разм чунин[1] наёяд ба кор.

Ману Рахшу кӯполу баргустувон,
Ҳамоно надоранд бо ман тавон.

Дилу гурзу бозу маро ёр бас,
Нахоҳам ҷуз Эзад нигаҳдор кас.

Мар ин дасту гулранги дар зери ман,
Кӣ ояд бари гурзу шамшери ман?»[2]

Бигуфт ину аз ҷой баркард Рахш,
Ба захме саворе ҳаме кард пахш.

Якеро гирифтӣ, задӣ бар дигар,
Зи бинӣ фурӯ рехтӣ мағзи сар.

Якояк рабудӣ саворон зи зин
Ба сарпанҷаву барзадӣ бар замин.

Ба нерӯ бияндохтишон зи даст,
Сару гардану пушташон мешикаст.[3]

Кунун дид деве биҷаста зи банд,
Ба даст - андарун гурзу бар зин каманд.

Бар ӯ ҳамла овард монанди бод,
Бизад найзаву банди ҷавшан кушод.

---

1. И-ҷустан.
2. ИЛ-б. 249, 250 нест
3. ИЛ-б. 252-254 нест.

www.sattor.com

Таҳамтан бизад дасту найза гирифт,
Қулун аз далериш монда[1] шигифт.

Ситад найза аз дасти он[2] номдор,
Биғуррид чун тундар аз кӯҳсор.

Бизад найзаву баррабудаш зи зин,
Ниҳод он буни найзаро бар замин.

Қулун гашт чун мурғ бар бобзан,
Бидиданд лашкар ҳама тан ба тан.

Биронд аз бараш Рахшу биспард хор,
Баровардаш аз мағз яксар димор.

Саворон ҳама рӯй барговштанд,
Қулунро бад-он ҷой бигзоштанд.[3]

Ҳазимат шуд аз вай сипоҳи Қулун,
Ба якборагӣ бахт гашта нагун.

Таҳамтан гузашт аз талоя савор,
Биёмад шитобон сӯи кӯҳсор.

Куҷо буд алафзору оби равон,
Фуруд омад он ҷойгаҳ паҳлавон.

Чунин то шаби тира омад фароз,
Таҳамтан ҳаме кард ҳар гуна соз

Зи ороиши ҷомаи паҳлавӣ,
Ҳамон тоҷу ҳам бораи хусравӣ.

Чу шаб тира шуд, паҳлави пешбин
Баророст бо шоҳи Эронзамин.

Ба наздики Зол оваридаш ба шаб,
Ба омад - шудан ҳеч накшод лаб.

1. И-гашта.
2. ИЛ-ӯ.
3. ИЛ-б. 261, 262 нест

www.sattor.com

266 Нишастанд як ҳафта бо ройзан,
Шуданд андар он мӯбадон анҷуман,

Ки шоҳе чу шаҳ Кайқубод аз ҷаҳон
Набошад кас аз ошкору ниҳон.

Ҳам эдун бибуданд[1] як ҳафта шод
Ба базму ба бода бари Кайқубод.[2]

Ба ҳаштум биёростанд[3] тахти оҷ,
Биёвехтанд аз бари оҷ тоҷ.

КАЙҚУБОД

Подшоҳии ӯ сад сол буд

Ба шоҳӣ нишаст аз бараш Кайқубод,
Ҳамон тоҷи гавҳар[4] ба сар барниҳод.

Ҳама номдорон шуданд анҷуман
Чу Дастону чун Қорани размзан.

Чу Кашводу Харроду Барзини гав
Фишонданд гавҳар бар он тоҷи нав.

Аз он пас бигуфтанд, к-эй шаҳрёр,
Сӯи размн туркон баророй кор[5].

5 Қубод аз бузургон суханҳо шунид[6]
Аз[7] Афросиёбу сипаҳро бидид.[8]

---

1. И – Шабу рӯз буданд.
2. Л – б.271, 272 нест.
3. Л-шуд ороста.
4. И – шоҳӣ.
5. ИЛ – б. 4 нест.
6. И – сухан бишнавид; И – сухан баррасид.
7. И - Пас.
8. И – Зи Афросиёбу сипаҳ чун сазид.
   ТПЗ – Бифармуд, то номвар меҳтарон
   Бипӯшанд з-оҳан силоҳи гарон.
   Мунодӣ баромад зи даргоҳи шоҳ,
   Ки эй паҳлавонони эронсипоҳ,

www.sattor.com

Дигар рӯз бардошт лашкар зи ҷой,
Хурӯшидан омад зи пардасарой.

Бипӯшид Рустам силоҳи[1] набард,
Чу пили даманда барангехт[2] гард.

Рада баркашиданд эрониён,
Бубастанд хунрехтанро миён.

Ба як даст Меҳроби кобулхудой,
Ба як[3] даст Густаҳми ҷангӣ ба пой.

Ба қалб - андарун Қорани размзан,
Або[4] гурд Кашводи лашкаршикан.[5]

Ба пеши сипаҳ Рустами паҳлавон,
Паси пушти ӯ саркашону гавон.[6]

Паси пушташон Зол бо Кайқубод,
Ба як даст оташ, ба як даст бод.

Ба пеш - андарун ковиёнӣ дурафш,
Ҷаҳон з-ӯ шуда зарду сурху бунафш.

Чу киштӣ шуда орамида замин,
Куҷо мавҷ хезад зи дарёи Чин[7].

Сипар бар сипар[8] бофта дашту роғ,
Дурахшидани теғҳо чун*[9] чароғ.

Кунун гоҳи разм аст, кин оваред,
Ба туркони саркаш камин оваред.
Ҳар он кас, ки мардӣ кунад ошкор,
Зи мо хилъату бахшиш аз кирдгор.

1. ИЛ – силеҳи.
2. Л – жиён шуд, ки бархост.
3. Л – дигар.
4. Л – ҳамон.
5. И – шамшерзан.
6. И-б. 11 нест.
7. Л – Чу киштӣ шуд аз бод рӯи замин.
8. Л – Сипаҳ дар сипаҳ; И- чу.
9. М—теғ ҳамчун.

www.sattor.com

Ҷаҳон сар ба сар гашта дарёи қор,
Барафрӯхта шамъ з-ӯ сад ҳазор.

Зи нолидани бӯқу бонги сипоҳ[1]
Ту гуфтӣ, ки хуршед гум кард роҳ.[2]

Ду лашкар баромад зи як раҳ ба ҷой,
На сар буд пайдо сипаҳро, на пой.[3]

---

1. Л – ҳиндидарой.
2. Л – ҷой;
   ТПЗ – В- аз он сӯ баророст Афросиёб
   Або номдорони бохашму об.
   Чу Аҷнос бо Виса дар маймана,
   Сарафроз ҳар як гави яктана.
   Шамососу Гарсеваз аз майсара
   Ба заҳр об дода синон яксара,
   Ба қалб - андарун шоҳи тӯронсипоҳ,
   Або чанд тан номвар кинахоҳ.
   Баромад яке абр бар сони қир,
   Сияҳ гашт бар чарх Баҳрому Тир.
3. ИЛ – б. 18 нест
   ТПЗ - Баромад зи ҳар ду сипаҳ бӯқу кӯс,
   Замин кард бо осмон дастбӯс.
   Зи наъли сутурони пӯлодсой
   Замин чун фалак хост рафтан зи ҷой,
   Сари нӯки найза ситора бибурд,
   Сари теғ тоб аз шарора бибурд.
   Зи хун хоки майдони кин гашт сер,
   Зи шамшери шерон намераст шер.
   Каманд аз камин бар зи ҷон мегирифт.
   Зи гармӣ радонро равон мегирифт,
   Сабук Қорани размзан, к-он бидид,
   Чу шери жиён наърае баркашид.
   Замоне дар он дашт ҷавлон намуд,
   Зи бозу ҳунарҳои мардон намуд.
   Ҳаме гуфт пушти далерон манам,
   Яке паҳлавоне зи Эрон манам.
   Яке мард хоҳам савори далер,
   Ки бо ҳам ба майдон бигардем дер.
   Ба майдон наёмад касе дар бараш,
   Ки дар паҳлавонӣ битобад сараш.
   Барангехт аз кини Афросиёб
   Сари пур зи кину дили пуршитоб,
   Бишуд тозиён то ба тӯронсипоҳ,
   Зи гардаш бишуд тира хуршеду моҳ.

www.sattor.com

Ба ҳар ҳамлае Қорани сарфароз
Бияфканд даҳ гурди гарданфароз.[1]

Гаҳе сӯи чап шуд,*[2] гаҳе сӯи рост,
Бигардиду аз ҳар касе кина хост.

Миёни сипоҳ андаромад далер
Сипаҳдор Қоран ба кирдори шер.

Ба гурзу ба теғу синони дароз
Ҳаме кушт з-эшон яли сарфароз.

Зи кушта замин кард монанди кӯҳ,
Шуда з-он далерони туркон сутӯҳ.[3]

Шамососро дид монанди шер,
Ки мебархурӯшид гурди далер.

Биёмад дамон, то бари ӯ расид,
Сабук теғи тез аз миён баркашид.

Бизад бар сараш теғи заҳробдор,[4]
Бигуфто: "Манам Қорани номдор!".

Нагун андаромад Шамососи гурд,
Бияфтод бар ҷову дар дам[5] бимурд.

Чунин аст кирдори гардуни пир,
Гаҳе чун камон асту гоҳе чу тир.

ҶАНГИ РУСТАМ БО АФРОСИЁБ

Чу Рустам бидид, он чи Қоран бикард,
Чӣ гуна бувад сози ҷангу набард,

---

1. ЛМ – Чунон чун бувад мардуми размсоз; И – б, 19 нест.
2. М – чапу;
3. Л – б. 23 нест; ИЗ – б. 23:
   Сипаҳдор Қоран чу пили дамон,
   Ба каф теғи тезу ба бозу камон.
4. Л - Сару тарки он паҳлави номдор,
   Ба хок андаромад сараш сӯгвор.
5. И – ҷой в-онгаҳ.

www.sattor.com

Ба пеши падар шуд, бипурсид аз ӯй,
Ки бо ман*[1], ҷаҳонпаҳлавоно, бигӯй,

Ки пури Пашанг он бадандеша мард
Куҷо ҷой гирад ба рӯзи набард?

Чӣ пӯшад, куҷо барфарозад дурафш,
Ки пайдост тобон дурафше бунафш?[2]

Ман имрӯз банди камаргоҳи ӯй
Бигирам, биёрам кашонаш ба рӯй.[3]

Бад-ӯ гуфт Зол, эй писар, гӯш дор,
Як имрӯз бо хештан ҳуш дор,

Ки он турк дар ҷанг нараждаҳост,
Дамоҳанҷу дар кина абри балост.

Дурафшаш сиёҳ асту хафтон сиёҳ,
Зи оҳан-ш соид в-аз оҳан кулоҳ.

Ҳама рӯи оҳан гирифта ба зар,
Дурафши сияҳ баста бар хӯд-бар.[4]

---

1. МПТ – Бипечид инон, шуд сӯи Золи Зар,
Ки бинмоям Афросиёб, эй падар.

2. ТП - Нишон деҳ, ки пайкор созам бад-ӯй,
Миёни ялон сар фарозам бад-ӯй,
Агар ёр бошад маро хуру моҳ,
Кашонаш биёрам ба наздики шоҳ.
Маро ҷуз бад-ӯ нест имрӯз ҷанг,
Ману гурзу майдону пури Пашанг.

3. ТПЗ - Ба фармони ҷонофарин як Худой,
Агар кӯҳ бошад, барорам зи ҷой.
Бубандам, биёрам бари Кайқубод,
Мар он бадкуниш марди бероҳу дод.

4. ТПЗ - Ба ҳайҷо, ки гардад диловар бувад,
Ба разм – андараш даҳ баробар бувад,
Ба як ҷой сокин набошад ба ҷанг,
Чунин аст оини пури Пашанг.
Наҳанг ӯ зи дарё барорад ба дам,
Зи ҳаштод араш нест болош кам.

www.sattor.com

Аз ӯ[1] хештанро нигаҳ дор сахт,
Ки марде далер асту бедорбахт.[2]

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки эй паҳлавон,
Ту аз ман мадор эч ранҷа равон.

Ҷаҳонофаринанда ёри ман аст,
Дилу теғу бозу ҳисори ман аст.[3]

Барангехт пас[4] Рахши рӯинасум,
Баромад хурӯшидани говгум.

Дамон рафт то пеши туронсипоҳ,
Яке наъра зад шери лашкарпаноҳ.[5]

Чу Афросиёбаш ба ҳомун бидид,[6]
Шигифтид аз он кӯдаки норасид.

Зи гурдон бипурсид, к-ин аждаҳо
Бад-ин гуна аз банд гашта раҳо,

Кадом аст, к-инро надонам ба ном?
Яке гуфт, к-ин пури Дастони Сом[7]

Набинӣ, ки бо гурзи Сом омадаст,
Ҷавон асту ҷӯёи ном омадаст.

---

1. И- Ту мар.
2. И – Ки турки далер асту пирӯзбахт;
   ТПЗ – Шавад кӯҳи оҳан чу дарёи об,
   Агар бишнавад номи Афросиёб.
3. Л- Сари ахтар андар канори ман аст;
   ТПЗ - Агар аждаҳо бошаду деви нар,
   Биёрам-ш бигрифта банди камар.
   Бӯбинӣ кунун дар сафи корзор,
   К-аз он шоҳи ҷангӣ барорам димор.
   Бад-он гуна бо вай бароям ба ҷанг,
   Ки бар вай бигиряд сипоҳи Пашанг.
4. ИЛ – он.
5. ИЛ – б. 42 нест.
6. И – расид.
7. ТПЗ – Бувад Рустамаш ному бас саркаш аст,
   Гаҳи ҷанг чун обу чун оташ аст.

www.sattor.com

Ба пеши сипаҳ омад Афросиёб,
Чу киштӣ, ки мавҷаш барорад зи об.

Чу Рустам варо дид, бифшорд рон,
Ба гардан баровард гурзи гарон.

Чу танг андаровард бо ӯ замин,
Фурӯ кард гурзи гаронро ба зин.[1]

Ба банди камар-ш андаровехт чанг,
Ҷудо кардаш аз пушти зини ҳаданг.

Ҳаме хост бурдан ба пеши Қубод,
Диҳад рӯзи ҷанги нахустин-ш ёд.

Зи санги[2] сипаҳдору ҷанги савор
Наёмад дуволи камар пойдор.[3]

Гусасту ба хок андаромад сараш,
Саворон гирифтанд гирд андараш.

Сипаҳбад чу аз ҷанги Рустам биҷаст,
Бихоид Рустам ҳаме пушти даст.

Чаро гуфт нагрифтамаш зери каш,
Ҳаме бар камар сохтам панҷа баш.[4]

---

1. ТПЗ – Чу Афросиёбаш бад-он гуна дид,
Бизад чангу теғ аз миён баркашид.
Замоне бикӯшид бо пури Зол,
Таҳамтан барафрӯхта чангу ёл.
2. Л – ҳанги
3. ТПЗ- Таҳамтан фурӯ кард ҷанги дароз,
Рабуд аз сараш тоҷи он сарфароз.
Ба як дасти Рустам камар монда буд,
Ба дасти дигар тоҷаш аз сар рабуд.
(Дар «3» ин ду байт пас аз б. 53 омадааст. ки ба мақсад мувофиқтар менамояд).
4. Л – банду каш;
ТПЗ- Чу гурдони Эрон ҳама тан ба тан
Бирафтанд наздики он пилтан,
Чу Қоран, чу Гашвод гурдон ҳама
Ба Рустам шуданд офаринхон ҳама
Таҳамтан якеро бари хеш хонд,
Ҳама кори рафта бад-ӯ бозронд.

www.sattor.com

Чу овози занг омад аз пушти пил,
Хурӯшидани кӯс аз чанд мил.

Яке мужда бурданд наздики шоҳ,
Ки Рустам бидаррид қалби сипоҳ.

Ба назди сипаҳдори туркон расид,
Дурафши сипаҳдор шуд нопадид.[1]

Гирифташ камарбанду афканд хор,
Хурӯше баромад зи туркон ба зор.

Гирифтанд гирдаш диловар сарон,
Пиёда бибурдандаш он сарварон.

Сипаҳдори туркон бишуд зердаст,
Яке бораи тезтак барнишаст.

Баромад ва роҳи биёбон гирифт,
Сипаҳро раҳо карду худ ҷон гирифт.

Чу ин мужда бишнид аз ӯ Кайқубод,
Бифармуд, то лашкараш ҳамчу бод

Ба якбора бар хайли Турон зананд,
Бару бехи эшон зи бун барканад.[2]

Зи ҷой андаромад чу оташ Қубод,
Биҷунбид лашкар чу дарё зи бод.

Бигуфто, гирифтам камарбанди шоҳ,
Бад-он по биёрам ба эронсипоҳ.
Гусаста шуд аз ҳам камарбанди ӯй,
Бияфтод аз даст пайванди ӯй.
Чу бархост аз хок он пайкараш,
Чу хуршеди рахшанда тоҷи сараш,
Рабудам ба тавфиқи ҷонофарин,
Ба зудӣ бараш назди шоҳи гузин.
Ки то баркашам теғи тез аз миён,
Кунам растахезе ба турониён.

1. Л – Дурафши сипаҳдори туркон бидид.
2. И – б. 59-69 нест. Л – б. 59, 60, 62-69 нест.

www.sattor.com

Зи дасти дигар Золу Меҳроби шер
Бирафтанд пархошҷӯю далер.[1]

Баромад хурӯшидани доругир,
Дурахшидани ханҷару захми тир.

Бар он тарки заррину зарринсипар
Ғамин шуд сар аз чок-чоки табар.

Ту гуфтӣ, ки абре баромад зи кунҷ,
Зи шангарф найранг зад бар турунҷ.[2]

Фурӯ рафту баррафт рӯзи набард
Ба моҳӣ нами хуну бар моҳ гард.

Зи сумми сутурон бар он паҳндашт
Замин шуд шашу осмон гашт ҳашт.

Нигаҳ кард фарзандро Золи Зар,
Бад-он номбардори бозӯру фар,[3]

---

1. ИЛ – б. 71 нест.
2. ТПЗ - Ду лашкар ба ҳам андаровехтанд,
Ту гуфтӣ ба якдигар омехтанд.
Ғиревидани марду ғурранда кӯс
Ҳаме кард бар раъди ғуррон фусӯс.
Зи осеби шерони пӯлодчанг
Дарида дили шеру чарми паланг.
Замин карда буд сурх Рустам ба ҷанг
Яке гурзаи говпайкар ба чанг.
Ба ҳар сӯ, ки маркаб барангехтӣ,
Чу барги хазон сар фурӯ рехтӣ.
Ба шамшери буррон чу бигзошт даст,
Сари сарфарозон ҳаме кард паст.
Агар барзадӣ бар сар он сарфароз,
Ба ду ним кардиш бо аспу соз.
Чу шамшер бар гардан афрохтӣ,
Чу кӯҳ аз саворон сар андохтӣ.
Зи хуни далерон ба дашт - андарун
Чу дарё замин мавҷзан шуд зи хун.
Ҳама рӯи саҳро сару дасту пой,
Ба зери суми аспи ҷангозмой.
3. ТПЗ - Ба рӯзи набард он яли арҷманд
Ба шамшеру ханҷар, ба гурзу каманд.
Ин б. дар «З» б. б. 73 омада, ки ба назар дурусттар мерасад.

www.sattor.com

Зи шодӣ дил андар бараш бартапид,
Ки Рустам бад-он сон ҳунарманд дид.

Ҷаҳонпаҳлавон он яли арҷманд
Ба теғу синону ба гурзу каманд

Буриду дариду шикасту бубаст
Ялонро сару синаву пову даст.

Ҳазору саду шаст гурди далер
Ба як ҳамла шуд кушта дар ҷанги шер.[1]

Бирафтанд туркон зи пеши муғон,
Кашиданд лашкар сӯи Домғон.

В-аз он ҷо ба Ҷайҳун ниҳоданд рӯй,
Халидадилу бо ғаму гуфтугӯй.

Шикаста силеҳу гусаста камар,
На бӯқу на кӯсу на пову на сар.[2]

Ҳама паҳлавонони эронсипоҳ
Зи раҳ бозгаштанд наздики шоҳ.

Ҳама ҳар як аз ганҷ гашта сутӯҳ,
Гирифта зи туркон гурӯҳогурӯҳ.

Ба ҷо омаданд он сипоҳи меҳон,
Шуданд офаринхон ба шоҳи ҷаҳон.

В-аз ин марз Рустам чу баргашт боз,
Биёмад бари шоҳи Эрон фароз,[3]

Нишондаш ба як дасти худ номвар,
Ба дасти дигар номвар Золи Зар.

1. ИЛ – б. 71-74 нест.
2. ТПЗ - Се рӯз он сипаҳ бар лаби рӯд монд,
Ба рӯзи чаҳорум аз он ҷо биронд.
3. ТПЗ - Чу шоҳ ончунон дид, бар пой ҷаст,
Гирифташ сари дасти Рустам ба даст.

www.sattor.com

ОМАДАНИ АФРОСИЁБ НАЗДИКИ ПАДАРИ ХУД

В-аз он сӯ, ки бигрехт Афросиёб,
Ҳаме тозиён то бад-он рӯи об.

Яке ҳафта биншаст наздики рӯд,
Ба ҳаштум баророст бо хашму дуд.[1]

Ба пеши падар рафт пури Пашанг,
Забон пур зи гуфтору дил пурдиранг.[2]

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй номбардор шоҳ,
Туро буд аз ин ҷанг ҷустан гуноҳ,

Яке он ки паймон шикастан зи шоҳ
Бузургони пешин надиданд роҳ.[3]

На аз тухми Эраҷ замин пок шуд,
На заҳри газоянда тарёк шуд.

Яке гум[4] шавад, дигар ояд ба ҷой,
Ҷаҳонро намонанд бе кадхудой.

Қубод омаду тоҷ бар сар ниҳод,
Ба кина яке нав дар андаркушод.

Саворе падид омад аз пушти[5] Сом,
Ки Дастон-ш Рустам ниҳодаст ном.

Биёмад ба сони наҳанги дижам,
Ки гуфтӣ ҷаҳонро[6] бисӯзад ба дам.

Ҳаме тохт андар фарозу нишеб,
Ҳаме зад ба гурзу ба теғу рикеб.

---

1. ИЛ – б 79, 85 нест.
2. ИЛ - Бирафт аз бари рӯд назди Пашанг
   Забон пур зи гуфтору кӯтоҳ чанг.
3. И – б. 88 нест;
   ТПЗ – Надонӣ, ки мардони паймоншикан
   Ситуда набошанд дар анҷуман.
4. ИЛ – кам.
5. Л – заминро;
6. И - Ки гӯӣ заминро

www.sattor.com

Зи гурзаш ҳаво шуд пур аз чок-чок,
Наярзид ҷонам ба як мушти хок.

Ҳама лашкари мо ба ҳам бардарид,
Кас андар ҷаҳон ин шигифтӣ надид.

Дурафши маро дид бар як карон,
Ба зин андарафканд гурзи гарон.[1]

Чунон баргирифтам зи зини хаданг,
Ки гуфтӣ надорам ба як пашша санг.

Камарбанд бигсасту банди қабой
Зи чангаш фитодам ҳаме зери пой.

Бад-он зӯр ҳаргиз набошад ҳизабр
Ду пояш ба хок - андарун, сар ба абр.

Саворони ҷангӣ ҳама ҳамгурӯҳ
Кашидандам аз ҷанги он лахти кӯҳ.

Ту донӣ, ки шоҳӣ дилу ҷанги ман,
Далериву кирдору[2] оҳанги ман.

Ба дасти вай - андар яке пашшаам*[3]
В-аз он офариниш пурандешаам.

Яке пилтан дидаму шерҷанг,
На ҳушу[4] на дониш, на рою на ҳанг.[5]

Инонаш супурда бад-он пили маст
Ҳамаш кӯҳу ҳам ғору ҳам роҳи паст,[6]

---

1. ТПЗ - Биёмад, гирифташ камарбанди ман,
   Ту гуфтӣ, ки бугсаст пайванди ман.
2. И – Ба ҷанг андарун зӯрӣ.
3. М – решаам;
4. И – ақлу.
5. И – санг.
6. ТПЗ – Далерону шерон басе дидаам,
   Инонпеч з-он гуна нашнидаам.

www.sattor.com

Ҳамоно, ки кӯпол беш аз ҳазор[1]
Задандаш бар он тораки номдор.

Ту гуфтӣ, ки аз оҳанаш кардаанд,
Ба сангу ба рӯяш баровардаанд.

Чи дарёш пешу чи кӯҳаш ҳамон,[2]
Чи дарранда шеру чи пили дамон,

Ҳаме тохт яксон чу юзи*[3] шикор,
Ба бозӣ ҳаме омадаш[4] корзор

Чун ӯ гар будӣ Сомро дастбурд,
Зи туркон намондӣ сарафроз гурд.

Ҷуз аз оштӣ ҷустанат рой нест,
Ки бо ӯ сипоҳи туро пой нест.

Ҷаҳонҷӯю пушти сипоҳат манам,
Ба душворӣ андар паноҳат манам.

Намондаст бо ӯ маро тоб ҳеч,
Бирав, рой зан, оштиро басеч![5]

Замине куҷо Офаридуни гурд
Бад он гаҳ ба Тури диловар супурд,

Ба ман*[6] дода буданду бахшида рост,
Туро кини пешин набоист хост.

Аз он гар бигардему ҷанг оварем,
Ҷаҳон бар дили хеш танг оварем.[7]

---

1. ИЛ – сесад ҳазор.
2. И – бабри баён.
3. М– рӯзи.
4. И – ҳаме оядаш.
5. ТПЗ – Ҳамон бахши Эраҷ зи Эронзамин,
Ки додаш Фаридуни боофарин.
6. М – ту.
7. ИЛ – б. 116 нест.

www.sattor.com

Ту донӣ, ки дидан бех аз огаҳист,
Миёни шунидан саросар[1] тиҳист.

Туро ҷанги Эрон чу бозӣ намуд,
Зи бозӣ сипаҳро дарозӣ намуд.

Аз имрӯз корат ба фардо мамон,
Кӣ донад, ки фардо чӣ гардад замон?

Гулистон, ки имрӯз бошад бабор,
Ту фардо чинӣ гул, наояд ба кор.

Нигар, то чи моя ситоми базар,
Ҳамон тарки заррину заррин сипар.[2]

Ҳамон тозиаспон ба заррин лагом,
Ҳамон теғи ҳиндӣ ба заррин ниём.

Аз ин бештар номдорони[3] гурд,
Ки бод андаромад, ба хорӣ бибурд.

Чу Гулбоду чун Бормони далер,
Ки будӣ шикораш ҳама наррашер.

Хазарвон кучо, Зол бишкаст хурд,
Намудаш ба гурзи гарон дастбурд.

Шамосос, к-ин тузи лашкарпаноҳ,
Ки Қоран бикушташ ба овардгоҳ.[4]

Ҷуз ин номдорон, дигар даҳ ҳазор
Фузун кушта омад бар ин корзор.[5]

Батар з-ин ҳама ному нанге шикаст,
Шикасте, ки ҳаргиз нашояд-ш баст.

---

1. ИЛ – ҳамеша.
2. Л – зарринкамар.
3. Л – Аз ин номдорону шерони
4. ТПЗ- Қулуни диловар, ки Рустам бикушт,
   Кунун бодамон ҳаст аз инҳо ба мушт.
5. ИЛ – б. 125 127 нест.

www.sattor.com

Гар аз ман сари номвар гашта шуд,
Ки[1] Ағрираси номвар[2] кушта шуд.

Ҷазои баду некии рӯзгор
Дар имрӯзу фардо гирифтан шумор,

Ки пеш омадандам ҳамон[3] саркашон,
Паси пушти ҳар як дурафши гавон.[4]

Басе ёд додандам аз рӯзгор,
Дамон аз пасу ман давон зору хор.[5]

Кунун аз гузашта макун ҳеч ёд,
Сӯи оштӣ ёз бо Кайқубод.

Гарат дигар ояд яке орзуй,
Ба гирд- андар ояд[6] сипаҳ чор сӯй.

Ба як даст Рустам, ки[7] тобанда хур
Гаҳи разм бо ӯ натобад ба зӯр.[8]

Ба дасти дигар Қорани размзан,
Ки чашмаш надидаст ҳаргиз шикан.

Се дигар чу Кашводи зарринкулоҳ,
Ки омад, ба Омул бибурд он сипоҳ.

Ҷаҳорум чу Меҳроби кобулхудой,
Ки солоршоҳ аст бофарру рой.»

---

1. Л – чу.
2. Л – пурҳунар.
3. ИЛ – Ба пеш омадандам ҳама.
4. ИЛ – дирафше камон.
5. ТПЗ– Ҳар он гаҳ пушаймонӣ омад ба пеш,
Пур аз ғам шуда дил зи кирдори хеш.
Басе гаштам озурда аз рӯзгор,
Бибахшад гуноҳи маро шаҳрёр.
6. И – гирдат дарояд.
7. ЛЖ – чу.
8. ЛМ – Або гурзу кӯполу бо фарру зӯр.

www.sattor.com

ОШТӢ ХОСТАНИ ПАШАНГ АЗ КАЙҚУБОД

Сипаҳдори Турон ду дида пуроб,
Шигифте фурӯ монда з-Афросиёб,

Ки чандин суханҳош ёд омадаст,
Равонаш ҳаме сӯи дод омадаст.[1]

Яке марди боҳушу*[2] дил баргузид,
Ба Эрон фиристод чун месазид.[3]

Яке нома бинвишт артангвор,
Бар ӯ карда сад гуна рангу нигор.

Ба номи худованди хуршеду моҳ.
Ки ӯ дод бар офарин дастгоҳ.[4]

В-аз ӯ бар равони Фаридун дуруд,
К-аз ӯ дорад*[5] ин тухми мо тору пуд,

---

1. ИЛ – б. 140 нест.
2. МЖ – бинодиле.
3. Л – Чунон чун сазид.
   ТПЗ – Ки Виса будаш номи он номвар,
   Бародар мар ӯро зи мому падар.
   Дабири нависандаро гуфт шоҳ,
   Ки пеш ор қиртосу мушки сиёҳ.
4. ТПЗ – Худованди беёру анбозу ҷуфт
   Аз ӯ нест пайдову пинҳон нуҳуфт.
   Ҷаҳонофаринандаву бениёз.
   Ба фармони ӯ дон нишебу фароз,
   Равон шуд ба фармони ӯ хуру моҳ.
   В-аз ӯ дорад ором хоки сиёҳ.
   Фарозандаи тоқи фирӯзафом,
   Барорандаи субҳ з-айвони шом,
   Шаби анбарин ҳиндуи боми ӯй,
   Шафақ дурдошом аз ҷоми ӯй,
   Хур аз роҳи хубӣ чу хубони Чин
   Парастораи чор болонишин.
   Маҳи нав зи роҳи сарафкандагӣ
   Ба гӯш - андарун ҳалқаи бандагӣ.
   Якеро барорад ба чархи баланд,
   Якеро ба хок афканад мустаманд.
5. М – гашт.

www.sattor.com

Кунун бишнав, эй номвар Кайқубод,
Сухан гӯям аз рои шоҳиву дод.[1]

Ки аз Тур бар Эраҷи некбахт
Бад омад падид[2] аз паи тоҷу тахт.

Бар он-бар ҳаме ронд бояд сухун,
Набояд, ки пархош монад зи бун.[3]

Гар ин кина аз Эраҷ омад падид,
Манучеҳр сар то сар он кин кашид.

Бар он ҳам, ки кард Офаридун нахуст,
Куҷо ростиро ба бахшиш биҷуст.

Сазад, гар бимонем мо ҳам бар он,
Нагардем аз оину[4] роҳи сарон.

Зи хиргоҳ то Маворуннаҳр-дар
Ки Ҷайҳун миён асташ андар гузар.[5]

Бару буми мо буд ҳангоми шоҳ,
Накард андар он марз Эраҷ нигоҳ.

Ҳамон бахши Эраҷ буд Эронзамин,
Ки аз Офаридун будаш офарин.

Аз он гар бигардему ҷанг оварем,
Ҷаҳон бар дили хеш танг оварем.

Бувад захми шамшеру хашми Худой,
Наёбем баҳра ба[6] ҳарду сарой.

---

1. ИЛ – б. 145 нест.
2. И – Падид омаданд.
3. Л – Бар он-бар ҳаме монд бояд сухан,
Нигорид бояд ҳадиси куҳан.
Намондаст он кини нохоста,
В-аз он хоста кина шуд хоста.
4. Л – оҳангу.
5. Л – б. б. 151 ин б. омада:
На косид кишвар, на дар вай фузуд,
Ҳама ростӣ ҷусту некӣ намуд.
6. Л – зи.

www.sattor.com

Дигар ҳамчунон чун Фаридуни гурд,
Ба Салму ба Туру ба Эраҷ супурд.

Бубахшем, аз он пас наҷӯем кин,
Ки чандин бало худ наярзад замин.

Сари жандаи Зол[1] чун барф гашт,
Зи хуни ялон хок шангарф гашт.

Саранҷом ҳам ҷуз ба болои хеш
Наёбад касе баҳра аз ҷои хеш.

Бимонем бо он раши панҷ хок,
Саропой карбосу ҷои мағок.[2]

Дигар орзуяст андӯҳу ранч,
Шудан тангдил дар сарои сипанч.*[3]

Магар ром гардад бад-ин Кайқубод,[4]
Сари марди бихрад нагардад зи дод.

Кас аз мо набинанд Ҷайҳун ба хоб
В-аз Эрон наёянд аз ин рӯи об.

Магар бо дуруду салому паём
Ду кишвар шавад[5] з-ин сухан шодком

Чу нома ба мӯҳр андаровард шоҳ,
Фиристод наздики эронсипоҳ.

Ҳам аз гавҳару тоҷу ҳам тахти зар,
Ҳам аз хубрӯёни зарринкамар.

---

1. И – зинда аз сол.
2. Л – б. 160 нест.
3. М – ин б. нест.
4. ТПЗ – В-агар боз лашкар ба ҷанг оварем,
Сари худ ба доми наҳанг оварем.
Ҳамоно, ки некӣ беҳ аз кори бад,
Наҷӯем мо дигар озори х(в)ад.
5. ИЛ – бувад.

www.sattor.com

Аз аспони тозӣ ба заррин ситом,
Ҳам аз теғи ҳиндӣ ба симин ниём[1]

Биёмад фиристода назди Қубод,
Ҳамон гоҳ пайғому нома бидод.

Чу шоҳи ҷаҳондор нома бихонд,
Ба посух суханҳо фаровон биронд,

Ки аз мо набуд пешдастӣ нахуст,
Аз Афросиёб омад ин кин дуруст.

Зи Тур андаромад нахустин ситам,
Ки шоҳе чу Эраҷ шуд аз тахт кам.

Бад-ин рӯзгор - андар Афросиёб
Биёмад ба Эрону бигзашт з-об.

Шунидӣ, ки бо шоҳ Нӯзар чӣ кард,
Дили дому дад шуд пур аз доғу дард.

Зи кина ба Ағрираси пурхирад
На он кард, к-аз мардумӣ дархурад.

Зи кирдори бад гар пушаймон шавед,[2]
Ба наввӣ зи сар боз паймон шавед,[3]

Маро нест аз кина озору ранҷ,
Басечидаам дар сарои сипанҷ.

Шуморо супорам аз он рӯи об,
Магар ёбад оромиш Афросиёб.

Ба наввӣ яке боз паймон навишт,
Ба боғи бузургӣ дарахте бикишт.

Фиристода омад ба сони паланг,
Расонид нома ба дасти*[4] Пашанг.

---

1. ТПЗ – Зи пурмоя чизе к-аз он бум хост,
Або нома он ҳадяҳо кард рост.
2. Л-шавад.
3. Л-шавад.
4. М – назди.

www.sattor.com

Буна барниҳоду сипаҳро биронд,
Хаме гард бар осмон барфишонд.

Зи Ҷайҳун гузар кард монанди бод,
В-аз он огаҳӣ шуд бари Кайқубод.[1]

Аз он гашт шодон дили шаҳрёр,
Ки душман шуд аз пеш бе корзор.[2]

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Эй шаҳрёр,
Маҷӯй囲 оштӣ дар гаҳи корзор.

Набуд оштӣ пешовардашон,[3]
Бад-ин рӯз гурзи ман овардашон.

Чунин гуфт бо номвар Кайқубод.[4]
Ки чизе надидам накӯтар зи дод.

Набери[5] Фаридуни фаррух - Пашанг
Ба серӣ ҳаме сар бупечад зи ҷанг.

Сазад гар ҳар он кас, ки дорад хирад,
Ба кажживу норостӣ нангарад.

Зи Зобулситон то ба дарёи Синд[6]
Навиштем[7] аҳди туро бар паринд.

Ту шав, тахт бо афсари Нимрӯз
Ҳаме дору мебош гетифурӯз.

---

1. ТПИЛ - Бибурданд нома бари Кайқубод,
Сухан низ аз ин гуна карданд ёд.
Чу бишнид шаҳ Кайқубод ин ҳама,
Баровард сар аз миёни рама.
Чунин дод посух, ки донӣ дуруст,
Ки аз мо набуд пешдастӣ нахуст.
2. ИЛ – б. 179 –182 нест.
3. Л – ҳеҷ дархурдашон.
4. Л – Ба Рустам чунин гуфт пас Кайқубод.
5. ИЛ – Набера.
6. И – ҳинд.
7. ИЛ – навиштем.

www.sattor.com

В-аз ин[1] рӯй Кобул ба Меҳроб деҳ,
Саросар синонат ба заҳр об деҳ.

Куҷо подшоҳист, бе ҷанг нест,
В-агарчанд рӯи замин танг нест.

Басе хилъат орост шоҳи рама,
Ба Золу ба Рустам бидод он ҳама.[2]

Сарашро биёрост аз*[3] тоҷи зар,
Ҳамон гирдгоҳаш ба заррин камар.

Зи як рӯй гетӣ мар ӯро супурд,
Бибӯсид рӯи замин марди гурд.

Аз он пас чунин гуфт фаррух Қубод,
Ки бе Зол тахти бузургӣ мабод!

Ба як мӯи Дастон наярзад ҷаҳон,
Ки ӯ мондамон ёдгор аз меҳон.

Ниҳоданд маҳд аз бари панҷ пил
Зи пирӯза, рахшонтар аз оби Нил.

Бигустард зарбафт бар маҳд-бар,*[4]
Яке ганҷ к-аш кас надонист мар.

Яке ҷомаи шаҳрёрӣ ба зар,
Зи ёқуту пирӯза тоҷу камар

Фиристод наздики Дастони Сом,
Ки хилъат туро з-ин фузун буд ком.[5]

---

1. Л – в-аз он.
2. ИЛ –б. 192 нест.
   ТПЗ - Ба Рустам басе ҷомаву асп дод,
   Бад-он сон, ки буд дархури Кайқубод.
3. М – бо.
4. М – маҳди зар.
5. ТПЗ – Дигарбора з-ин беҳтар ороямат,
   Дари ганҷҳо пеш бикшоямат.

www.sattor.com

Агар бошадам зиндагонӣ дароз,
Туро ман кунам дар[1] ҷаҳон бениёз.

Ҳамон Қорани гурду Кашводро,
Чу Харроду Барзину Пӯлодро.

Барафканд[2] хилъат, чунон чун сазид
Касеро, ки хилъат сазовор дид.

Дирам доду динору[3] теғу сипар,
Киро буд дархур, кулоҳу камар.

ОМАДАНИ КАЙҚУБОД БА ИСТАХРИ ПОРС

В-аз он ҷо сӯи Порс андаркашид,
Ки дар Порс буд ганҷҳоро калид.

Нишастангаҳ он гаҳ ба Истахр буд,
Каёнро бад-он ҷойгаҳ фахр буд.

Ҷаҳоне ниҳоданд рух сӯи ӯй,
Ки ӯ буд солори дайҳимҷӯй.

Ба тахти каён андаровард пой
Ба доду ба оини фархунда рой.

Чунин гуфт бо номвар меҳтарон,[4]
Ки гетӣ маро аз[5] карон то карон.

Агар пил бо пашша кин оварад,
Ҳама рахна дар доду дин оварад,

Нахоҳам[6] ба гетӣ ҷуз аз ростӣ,
Ки хашми Худо оварад костӣ.

Таносонӣ аз доду ранҷи ман аст,
Куҷо обу хок аст, ганҷи ман аст.

1. Л – дорам андар.
2. Л – баророст.
3. Л – Зи диндору дебову.
4. Л- бихрадон.
5. ЛМ – шуд.
6. Л – начӯям.

www.sattor.com

Ҳама подшоҳон маро лашкаранд,
Сипоҳиву шаҳрӣ маро яксаранд.

Ҳама дар паноҳи ҷаҳондор бед,
Хирадманд беду беозор бед.

Ҳар он кас, ки дорад, хуреду диҳед,
Сипосе зи хӯрдан маро барниҳед.

В-ар он кас куҷо боз монад зи х(в)ард,
Наёбад ҳаме тӯша[1] аз коркард,

Чарогоҳашон боргоҳи ман аст,
Ҳар он кас, ки андар паноҳи[2] ман аст.

Сипоҳе аз он пас ба гирд оварид,
Бигардид, яксар ҷаҳонро бидид.

Чу даҳ сол баргашт гирди ҷаҳон,
Ҳама дод кард ошкору ниҳон.

Басе шаҳри хуррам бино кард Кай,
Чу сад деҳ бино кард бар гирди вай.

Сӯи Порс бинҳод он гоҳ рӯй.
Чу ҷанги замона расид андар ӯй.

Нишаст аз бари тахт бо мӯбадон,
Ситорашиносону*[3] бо бихрадон.

Саросар биёвард гурдони хеш,
Бад –эшон нигаҳ кард дил карда реш.[4]

Аз он рафта номоварон ёд кард,
Ба доду диҳиш гетӣ обод кард.

Бад-ин гуна сад сол шодон бизист,
Нигар, то ба кайҳон чунин шоҳ кист.

1. Л – қувват.
2. Л – сипоҳӣ.
3. М – Ба ахтаршиносу.
4. Л – б. 218 – 223 нест.

www.sattor.com

Писар буд хирадманд ӯро чаҳор,
Ки буданд аз ӯ дар ҷаҳон ёдгор.

Нахустин чу Ковуси боофарин,
Каёраш дувум буд, сеюм Кайпашин.

Чаҳорум Каярмин куҷо буд ном,
Сипарданд гетӣ ба орому ком.[1]

Чу сад сол бугзашт бо тоҷу тахт,
Саранҷом тоб[2] андаромад ба бахт.[3]

Чу донист, к-омад ба наздики марг,
Бипажмурд хоҳад ҳаме сабз барг.

Гаронмоя[4] Ковуси кайро бихонд,
Зи доду диҳиш чанд бо ӯ биронд.

Бад -ӯ гуфт: Мо барниҳодем рахт,
Ту бугзор[5] тобуту бардор тахт.

Чунонам, ки гӯӣ аз Албурзкӯҳ
Кунун омадам шодмон бо гурӯҳ.

Чи бахте,[6] ки бе огаҳӣ бигзарад,
Парастандаи ӯ надорад хирад.

Ту гар додгар бошиву покрой,
Ҳаме музд ёбӣ[7] ба дигар сарой.

В-агар оз гирад саратро ба дом,
Барорӣ яке теғи тез аз ниём.

Бад-он хештан ранҷа дорӣ ҳаме,
Пас онро ба душман супорӣ ҳаме.

---

1. Л – Чаҳорум, ки буд Ардашер ӯ ба ном,
Ҳама ҳар чаҳор аз падар шодком.
2. Л – тоз.
3. Л – зи тахт.
4. сарафроз.
5. Л- биспор.
6. Л- тахте; И – чу тахте.
7. ИЛ – савобаш биёбӣ.

www.sattor.com

Дар он ҷой ҷои ту оташ бувад,
Ба дунё дилат талху нох(в)аш бувад.[1]

Бигуфт ину шуд з-ин ҷаҳони фарох,
Гузин кард сандуқ бар ҷои кох.

Ҷаҳонро чунин аст расму[2] ниҳод,
Биёрад зи хоку диҳадшон ба бод.

Ба сар шуд кунун қиссаи Кайқубод,
Зи Ковус бояд, ки гирем[3] ёд.[4]

КАЙКОВУС

Подшоҳии ӯ саду панҷоҳ сол буд

БАР ТАХТ НИШАСТАНИ КАЙКОВУС ВА ОҲАНГИ МОЗАНДАРОН КАРДАН

Дарахти барӯманд чун шуд баланд,
Гар эдун, ки ояд ба ӯ[5] бар газанд,

Шавад барг пажмурдаву бех суст,
Сараш сӯи пастӣ гирояд нахуст.

---

1. ИЛ-б. 237 нест.
   ТПЗ – Бидон, эй гиромии некӯниҳод,
   Бибояд, ки кӯшӣ ба адлу ба дод.
   Туро додам ин тоҷи шоҳию гоҳ,
   Ба доду диҳиш пӯю биспор роҳ.
   Чунин омад ин гетӣ аз хӯй соз,
   Бидорад ба ноз, оварад ранҷ боз.
   Дарахтест бошохи бисёрбор,
   Бараш тозагул, шох яксар нигор,
   Нахустин ба гул шодхорат кунад,
   Пас он гаҳ дилафгору хорат кунад.
   Басе подшоҳони гарданфароз,
   Ки рафтанд аз ин ҷо ба гурму гудоз.
   К-аз эшон кунун монда ном асту бас,
   Ба гетӣ намондаст ҷовид кас.
2. Л – созу.
3. Л – кунун кард.
4. И –б. 240-241 нест.
5. Л-Гар ояд зи гардун бар ӯ.

www.sattor.com

Чу аз ҷойгаҳ бугсилад пои хеш,
Ба шохи[1] навоин диҳад ҷои хеш.

Мар ӯро супорад гулу баргу боғ,
Баҳоре ба кирдори равшан чароғ.[2]

Агар шохи бад хезад аз бехи нек,
Ту бо бех тундӣ маёғоз рек.[3*4]

Падар чун ба фарзанд монад ҷаҳон,
Кунад ошкоро бар ӯ-бар ниҳон.

Гар ӯ бифканад фарру номи падар,
Ту бегона хонаш, махонаш писар.

Агар гум кунад роҳи омӯзгор,
Сазад, к-ӯ ҷафо бинад аз рӯзгор.

Чунин аст расми сарои куҳун,
Сараш ҳеч пайдо набинӣ зи бун.

Чу расми бадаш боз ёбад касе,
Сазад, гар ба гетӣ намонад басе.

Зи гуфтори фарзонадил марди пир
Сухан бишнаву як ба як ёд гир.[5]

Чу бигрифт Ковус гоҳи падар,
Мар ӯро ҷаҳон банда шуд сар ба сар.

Зи ҳар гунае ганҷи оганда дид,
Ҷаҳон сар ба сар пеши худ банда дид.

Ҳам аз тавқу ҳам тахту ҳам[6] гӯшвор,
Ҳамон тоҷи заррин забарҷаднигор.

---

1. Л – сарви.
2. И – б. 4 нест.
3. ИЛ – век (вейк).
4. М – лек.
5. ИЛ –б. 11 нест.
6. Л – Ҳамон тахт бо тавқу бо.

www.sattor.com

Ҳамон тозиаспони огандаёл,
Ба гетӣ надонист касро[1] ҳамол.

Чунон буд, ки дар гулшани зарнигор,
Ҳамехӯрд рӯзе маи хушгувор.

Яке тахти заррин булӯрин-ш пой,
Нишаста бар ӯ-бар ҷаҳонкадхудой.

Або паҳлавонони Эрон ба ҳам
Ҳаме рой зад шоҳ бар бешу кам.

Чунин гуфт, к-андар ҷаҳон шоҳ кист,
Гузашта зи ман дархури гоҳ кист?

Маро зебад андар ҷаҳон бартарӣ,
Наёрад зи ман ҷуст кас доварӣ.

Ҳаме хӯрд бода, ҳаме гуфт шоҳ,
Дар*[2] ӯ хира монда сарони сипоҳ.[3]

Чу ромишгаре дев зӣ пардадор
Биёмад, ки хоҳад бари шоҳ бор.

Чунин гуфт, к-аз шаҳри Мозандарон
Яке хушнавозам зи ромишгарон.

Агар дархурам бандагӣ шоҳро,
Кушояд бари тахти худ роҳро.[4]

Бирафт аз дари парда солори бор,
Биёмад хиромон бари шаҳрёр.

Бигуфташ, ки ромишгаре бар дар аст,
Або барбату нағз ромишгар аст.[5]

---

1. Л-худро.
2. М – Аз.
3. ИЛ – 19-21 нест.
4. Л -Бисоям ба рух хоки даргоҳро.
5. ТПЗ – Ҳаме роҳ ҷӯяд бад-ин пешгоҳ,
Чи фармон диҳад номвар подшоҳ.

www.sattor.com

Бифармуд, то пеши ӯ тохтанд,
Бари рудсозон-ш биншохтанд.

Ба барбат чу боист барсохт руд,
Баровард мозандаронӣ суруд.

Ки Мозандарон – шаҳри мо ёд бод,
Ҳамеша бару бумаш обод бод!

Ки дар бӯстонаш ҳамеша гул аст,
Ба кӯҳ- андарун лолаву сунбул аст.

Ҳаво хушгувору замин пурнигор,
На гарму на сарду ҳамешабаҳор.

Навозанда булбул ба боғ-андарун,
Гурозанда оҳу ба роғ-андарун.

Ҳамеша наёсояд аз ҷустуҷӯй
Ҳамсола ҳар ҷой ранг асту бӯй.

Гулоб аст, гӯӣ, ба ҷӯяш равон,
Ҳаме шод гардад зи[1] бӯяш равон.

Даю Баҳману Озару Фарвадин
Ҳамеша пур аз лола бинӣ замин.

Ҳамасола хандон лаби ҷӯйбор,
Ба ҳар ҷой бози шикорӣ ба кор.

Саросар ҳама кишвар ороста
Зи динору дебову аз хоста.

Бутони парастанда бо тоҷи зар,
Ҳамон номдорони зарринкамар.

Касе, к-он дар он буми обод нест,
Ба ком аз дилу ҷони худ шод нест.[2]

---

1. ИЛ – ба.
2. ИЛ – б. 39 нест.

www.sattor.com

Чу Ковус бишнид аз ӯ ин сухун,
Яке тоза андеша афканд бун.

Дили размҷӯяш бубаст андар он,
Ки лашкар кашад сӯи Мозандарон.

Чунин гуфт бо сарфарозони разм,
Ки мо дил ниҳодем яксар ба базм.

Агар коҳилӣ пеша гирад[1] далер,
Нагардад зи осудану гоҳ[2] сер.[3]

Ман аз Ҷамму Заҳҳоку аз Кайқубод
Фузунам ба бахту ба фарру нажод.

Фузун боядам низ аз[4] эшон ҳунар,
Ҷаҳонҷӯй бояд сари тоҷвар.[5]

Сухан чун ба гӯши бузургон расид,
Аз эшон кас ин рой фаррух надид.

Ҳама зард гаштанду пурчин бурӯй,
Касе ҷанги девон накард орзуй.

Касе рост посух наёраст кард,
Ғамин шуд дилу лаб пур аз боди сард.

Чу Тусу чу Гударзу Кашводу Гев,
Чу Харроду Гургину Баҳроми нев

Ба овоз гуфтанд: Мо кеҳтарем,
Замин ҷуз ба фармони ту наспарем.

В-аз он пас яке анҷуман сохтанд,
Зи гуфтори ӯ дил бипардохтанд.

---

1. Л – оял.
2. Л – осоишу хоб.
3. ТПЗ - В-агар баддилӣ пеша гирад ҷавон,
   Бимонад манишпасту тираравон.
4. Л – з-они.
5. ТП – Маро буд* лашкар ба Мозандарон,
   Саросар гирифтан ба гурзи гарон.

* З – бурд.

www.sattor.com

Нишастанду гуфтанд бо якдигар,
Ки аз бахт моро чӣ омад ба сар.[1]

Агар шаҳрёр ин суханҳо ки гуфт,
Ба май хӯрдан-андар нахоҳад нуҳуфт,

Зи мову зи Эрон барорад ҳалок,
Намонад аз[2] ин буму бар обу хок,

Ки Ҷамшед бо тоҷу ангуштарӣ,
Ба фармони ӯ деву мурғу парӣ.

Зи Мозандарон ёд ҳаргиз накард,
Наҷуст аз далерони[3] девон набард.

Фаридуни пурдонишу пурфусун
Мар ин орзуро[4] набуд раҳнамун.

Агар шоядӣ бурдан ин раҳ ба сар
Ба мардиву ному ба ганҷу гуҳар,[5]

Манучеҳр кардӣ бад-ин пеш даст,
Накардӣ бад-ин ҳиммати хеш паст.[6]

Яке чора бояд намудан бар ин,
Ки ин бад бигардад зи Эронзамин.

Чунин гуфт пас Тус бо меҳтарон,
Ки эй размдида диловар сарон.

Мар ин бандро чора акнун якест,
Бисозему ин кор[7] душвор нест.

1. Л – б. 51. 52 нест.
2. Л – ба.
3. Л – далерӣ зи.
4. ИЛ – Ҳамин рози дониш.
5. ЛМ –мардиву ганҷу ба ном ҳунар.
6. Л – б. 59 нест;
ТПЗИ – Бад-ин чора бояд кунун даст ёхт,
Ниҳонӣ яке чораи нав бисохт.
7. Л – банд.

www.sattor.com

Ҳаюни таковар бари Золи Сом
Бибояд фиристоду додан паём,

Ки гар гил ба сар дорӣ, акнун машӯй,
Яке тез кун мағзу*[1] бинмой рӯй.[2]

Магар к-ӯ кушояд яке пандманд
Сухан бар дили шаҳрёри баланд.

Бигӯяд, ки ин аҳриман дод ёд,
Дари дев ҳаргиз набояд кушод.

Магар Золаш орад аз ин гуфта боз,
В-агарна сар омад нишебу фароз[3]

Суханҳо зи ҳар гуна барсохтанд,
Ҳаюни таковар бурун тохтанд.

Даванда ҳаме тохт то Нимрӯз,
Чу омад бари Золи гетифурӯз.

Чунин додаш аз номдорон паём,
Ки эй номвар, богуҳар пури Сом,

Яке кор пеш омад акнун шигифт,
Ки аз дониш андоза[4] натвон гирифт.

Бар ин кор агар ту набандӣ камар,
На тан монад эдар, на буму на бар.

Яке шоҳро дар дил андеша хост,
Бупечидаш Оҳарман аз роҳи рост.[5]

Ба ранҷи ниёконаш аз бостон
Нахоҳад ҳаме буд ҳамдостон.

---

1. М –рою.
2. ТПЗ – Бигӯяд абар шоҳ Ковуси кай,
   Ки бар хира кори нав афканд пай.
3. ТПЗ – Бад-ин рой гаштанд яксар гавон,
   Ки ин корро Зол созад равон.
4. Л –- андеша; И – андӯҳ.
5. Л – б. 73 нест.

www.sattor.com

Ҳаме ганҷ бе ранҷ бигзоядаш,
Ҳаме гоҳи[1] Мозандарон боядаш.

Агар ҳеч сар хорӣ аз омадан,
Сипаҳбад ҳаме зуд хоҳад[2] шудан.*[3]

Ҳама ранҷи ту дод хоҳад ба бод,
Ки бурдӣ зи оғоз бо Кайқубод.[4]

Ту бо[5] Рустами ширнохӯрдасер
Миёнро бубастӣ чу шери далер.

Кунун он ҳама бод шуд пеши ӯй,
Бупечид ҷони бадандеши ӯй.

Чу бишнид Дастон, бупечид сахт,
Ки шуд зард барги каёнидарахт.[6]

Ҳаме гуфт Ковуси худкомамард,
На гарм озмуда зи гетӣ, на сард.[7]

Касе к-ӯ бувад дар ҷаҳон пешгоҳ,
Бар ӯ бугзарад солу хуршеду моҳ.

В-аз андешаи[8] теғи ӯ дар ҷаҳон
Биларзанд яксар кеҳону меҳон.

Набошад шигифт, ар ба ман награвад,
Шавам хаста, гар панди ман нашнавад.

В-ар ин ранҷ осон кунам бар дилам,
Аз андешаи шоҳ дил бугсилам.

---

1. И – кори.
2. Л – Шаҳаншаҳ ба зудӣ бихоҳад.
3. М – будан.
4. И – К-аз оғоз бурдӣ абар Кайқубод.
5. И –Або.
6. И –Биларзид бар сони шохи дарахт.
7. ТПЗИ – Сухан аз ҷаҳондидагон нашнавад,
   Шаби* тира бо рои худ нағнавад.
   * И – тани.
8. Ил – Кӣ мондаст к-аз.

www.sattor.com

На аз ман писандад ҷаҳонофарин,
На шоҳу на гурдони Эронзамин.

Шавам, гӯямаш, ҳарчӣ ояд зи панд,
Зи ман гар пазирад, шавад судманд.

В-агар тез гардад, кушудаст[1] роҳ,
Таҳамтан ҳам эдар бувад бо сипоҳ.

Пурандеша буд он шаби дербоз[2]
Чу хуршед бинмуд тоҷ аз фароз.

Камар басту бинҳод сар сӯи шоҳ,
Бузургон бирафтанд бо ӯ ба роҳ.

Хабар шуд ба Тусу ба Гударзу Гев,
Ба Баҳрому Гургину гурдони нев,

Ки Дастон ба наздики Эрон расид,
Дурафши ҳумоюн-ш омад падид.

Пазира шудандаш сарони сипоҳ,
Саре к-ӯ кашад паҳлавонӣ кулоҳ.

Чу Дастони Сом андаромад ба танг,
Пиёда[3] шудандаш ҳама бедиранг.

Бар ӯ саркашон офарин хонданд,
Сӯи шоҳ*[4] бо ӯ ҳаме ронданд.

Бад-ӯ гуфт Тус, эй гави сарфароз,
Кашидӣ чунин ранҷи роҳи дароз.

Зи баҳри бузургони Эронзамин
Бар осоиш ин ранҷ кардӣ гузин.

Ҳама сар ба сар некхоҳи туем,
Ситуда ба фарри[5] кулоҳи туем.

---

1. ИЛ – кушодаст.
2. И – шаб аз дер боз.
3. Л – Пазира.
4. М – шаҳр.
5. Л – фарру.

www.sattor.com

Бад-он[1] номдорон чунин гуфт Зол,
Ки ҳар кас, ки ӯро бифарсуд сол,

Ҳама панди пиронаш ояд ба ёд,
Аз он пас диҳад чархи гардон-ш дод.

Нашояд, ки гирем аз ӯ панд боз,
Ки аз панди мо нест худ бениёз.

Зи панди хирад гар бигардад сараш,
Пушаймониву ранҷ бошад[2] бараш.

Ба овоз гуфтанд: Мо бо туем,
Зи ту бугзарад, панди кас нашнавем.

Ҳама яксара пеши шоҳ омаданд,
Бари номвар тоҷу гоҳ омаданд.

ПАНД ДОДАНИ ЗОЛ КОВУСРО

Ҳаме рафт пеш - андарун Золи Зар,
Паси ӯ бузургони зарринкамар.

Чу Ковусро дид Дастони Сом
Нишаста бар аврангу дил шодком.[3]

Ба каш карда дасту сар афканда паст
Ҳаме рафт то ҷойгоҳи нишаст.[4]

Чунин гуфт, к-эй кадхудои ҷаҳон,
Сарафрозтар меҳтар андар меҳон.

Чу ту тахт нашниду афсар надид,
На чун бахти ту чархи гардон шунид.[5]

1. ИЛМ –Або.
2. ИЛ – Пушаймонӣ орад зи гетӣ.
3. ТПЗ – Ту гуфтӣ Манучеҳр боз омадаст,
   Ба тоҷ - андарун сарфароз омадаст.
4. ТПЗ – Аз он пас сано хонд бар шаҳрёр,
   Чунон чун бувад дархури номдор.
5. ТПЗ – Сазовори тахтиву тоҷи меҳон,
   Наёмад, набошад чу ту дар ҷаҳон.

www.sattor.com

Ҳамасола пирӯз бодиву[1] шод,
Дилат пур зи дониш, сарат пур зи дод.

Каи номбардор бинвохташ,
Бари хеш бар тахт биншохташ.

Бипурсидаш аз ранҷи роҳи дароз,
Зи гурдону аз Рустами сарфароз.

Чунин гуфт мар шоҳро Золи Зар,
Анӯша[2] бизӣ шоҳи пирӯзгар![3]

Ҳама шоду равшан ба бахти туем,
Барафрохта сар ба тахти туем.[4]

Аз он пас яке достон баркушод,
Суханҳои побастаро*[5] дар кушод.

Чунин гуфт, к-эй подшоҳи ҷаҳон,
Сазовори тахтиву тоҷи меҳон.

Шунидам яке нав сухан бас гарон,
Ки шаҳ дорад оҳанги Мозандарон.[6]

---

1. Л – бошиву.
2. Л – Ки нӯша.
3. ТПЗ – Сарат сабз бодо, тану ҷон дуруст,
   Мабодо каёнӣ камаргоҳ суст.
4. ТПЗ – Ту аз Офаридуншаҳӣ ёдгор,
   Мабуррод меҳр аз ту ин рӯзгор!
5. М – боистаро.
6. ИЛ – б. 117 нест;
   ТПЗ – Сухан бишнав, эй номвар, шаҳрёр,
   Ба родӣ яке панди омӯзгор,
   Ки родӣ сари хубиву меҳтарист,
   Зи родӣ фузуниву ҳам беҳтарист.
   Ҷавоне хирадманди бартарманиш
   Ба гетӣ зи кас нашнавад сарзаниш.
   Ҳама сол хуррам зи кирдори х(в)ад,
   Писандидаи мардуми пурхирад.
   Бад-он гетияш пеши Яздони пок
   Зи кирдори бад набвадаш тарсу бок.
   Агар бурдборӣ сари мард нест,
   Ба нобурдборон бибояд гирист.

www.sattor.com

Зи ту пештар подшаҳ будаанд,
Мар*[1] ин роҳ[2] ҳаргиз напаймудаанд.

Ба сар -бар маро рӯз чанде[3] гузашт,
Сипеҳр аз бари хок чанде бигашт.

Манучеҳр шуд з-ин ҷаҳони фарох,
Аз ӯ монда эдар басе ганҷу кох.

Ҳамон Зав або Нӯзари[4] Кайқубод,
Чӣ моя бузургон, ки дорем ёд,

Або лашкари гашну гурзи гарон
Накарданд оҳанги Мозандарон,

Ки он хонаи деви афсунгар аст,
Тилисм асту дар[5] банди ҷоду-дар аст.

Мар он бандро ҳеч натвон кушод,
Мадеҳ марду ганҷу[6] дирамро ба бод.

Хирадманди пирӯзи боҳангу санг
Ба неку бади худ шиносад диранг.
Ба ҳушу ба андешаву ҳангу рой
Дарорад замину замон зери пой.
Яке панди дигар бигӯям туро,
Зи дил тирагиҳо бишӯям туро.
Туро бод хубию шодию ком,
Зи гетӣ ба некӣ бароварда ном.
Ту донӣ, ниёи ту Ҷамшед буд,
Ки тоҷаш чу рахшанда хуршед буд.
Ҳама деву дад буд ба фармони ӯй,
Саросар ҷаҳон буд ба паймони ӯй.
Накардаш бад-ин кор ӯ сар гарон,
Набудаш ба дил ёди Мозандарон.
Фаридун накард инчунин кор ёд,
Ки худ тахти Заҳҳок додаш ба бод.

1. М –Ҳумоюн надорад кас он ҷо шудан,
2. Л – роз.
3. Л—Ки бар сар маро рӯз чандин.
4. ИЛЗ –Нӯзару.
5. ИЛ –аз.
6. Л –б. 124 нест; И—Мадеҳ ганҷу зӯру.

www.sattor.com

Мар онро ба шамшер натвон шикаст,
Ба ганҷу ба дониш[1] наёяд ба даст.

Ҳумоюн надорад кас он ҷо шудан,
В-аз эдар кунун рои рафтан задан.

Сипаҳро бад-он сӯ набояд кашид,
Зи шоҳон кас ин рой фаррух[2] надид.

Гар ин номдорон зи ту камтаранд,[3]
Чу ту бандагони ҷаҳондоваранд.

Ту аз хуни чандин сари номдор
Зи баҳри фузунӣ дарахте макор,

Ки бору баландиш нафрин бувад,
На оини шоҳони пешин бувад.

Чунин посух овард Ковус боз,
К-аз андешаи ту наям бениёз,

Валекин маро аз Фаридуну Ҷам
Фузун аст мардиву фарру дирам.

Ҳамон аз Манучеҳру аз Кайқубод,
Ки Мозандаронро накарданд ёд,

Сипоҳу дилу ганҷам афзунтар аст,
Ҷаҳон зери шамшери тез-андар аст,

Чу бардоштӣ, шуд кушода ҷаҳон,
Аз оҳан чӣ дорем гетӣ ниҳон?

Шавам шон якояк ба дом оварам,
Гар*[4] оину шамшеру ном оварам.

Агар барниҳам сову божи гарон,
В-агар кас намонам ба Мозандарон,

1. Л—оташ; И – афсун.
2. ИЛ – ҳаргиз.
3. ЗЛ – туро кеҳтаранд.
4. М—Ба.

www.sattor.com

Чунон хору зоранд бар чашми ман
Чи ҷоду, чи девони он анҷуман.

Ба гӯши ту ояд худ ин огаҳӣ,
К-аз эшон шавад рӯи гетӣ тиҳӣ.[1]

Ту бо Рустам акнун ҷаҳондор бош,
Нигаҳбони Эрону бедор бош.

Ҷаҳонофаринанда ёри ман аст,
Сари наррадевон шикори ман аст.

Гар эдун, ки ёрам набошӣ ба ҷанг,
Мафармой бар гоҳ кардан диранг.

Чу аз шоҳ бишнид Зол ин сухун,
Надид эч пайдо сарашро зи бун.

Бад -ӯ гуфт шоҳиву мо бандаем,
Ба дилсӯзагӣ бо ту гӯяндаем.

Агар дод гӯӣ[2] ҳаме ё ситам,
Ба рои ту бояд задан гому дам.

Аз андеша ман дил бипардохтам,
Сухан ҳар чи донистам, андохтам.

На марг аз тани хеш битвон сипӯхт,
На чашми замон кас ба сӯзан бидӯхт.

Ба парҳез ҳам кас наҷаст аз ниёз,
Ҷаҳонҷӯй аз ин се[3] наёбад ҷавоз,

Ки равшан[4] ҷаҳон бар ту фархунда бод,
Мабодо, ки панди ман ояд-т ёд.

---

1. ТПЗ– Валекин басе ранҷ бояд кашид,
Бад-он то бад-ин ком бояд расид.
2. Л – хоҳӣ.
3. Л—худ.
4. Л –ҳамеша.

www.sattor.com

Пушаймон мабодӣ зи кирдори хеш,
Туро[1] бод равшан дилу дину[2] кеш[3]

Сабук шоҳро Зол падруд кард,
Дил аз рафтанаш пурғаму дуд кард.

Бурун омад аз пеши Ковусшоҳ,
Шуда тира бар чашми ӯ ҳуру моҳ.

Бирафтанд бо ӯ бузургони нев,
Чу Тусу чу Гударзу Баҳрому Гев.

Ба Зол он гаҳе гуфт Гев: Аз Худой
Ҳаме хоҳам он к-ӯ*[4] бувад раҳнамой.

Ба ҷое, ки Ковусро дастрас
Набошад, надорам ман ӯро ба кас.

Зи ту дур бод озу маргу ниёз,
Мабодо ба ту дасти душман дароз!

Ба ҳар сӯ, ки оему андаршавем,[5]
Ҷуз аз[6] офаринат сухан нашнавем.

Пас аз кирдгори ҷаҳонофарин
Ба ту дорад уммед Эронзамин.

Зи баҳри гавон ранҷ бардоштӣ,
Чунин роҳи душвор бугзоштӣ.[7]

---

1. ИЛ – ба ту.
2. Л—ҷону.
3. ТПЗ– Сазад, гар наранҷад шаҳ аз гуфти ман,
Ки аз некхоҳӣ бигуфтам сухан.
4. М—хостам то.
5. Л – Ба ҳар ҷо, ки оему он ҷо равем; И – бувем.
6. Л—ба ҷуз.
7. ТПЗ– Кунун чораи мо ҳамин асту бас,
Ки ҷуз паҳлавон шоҳи мо нест кас.
Чунин гуфт Дастон, ки доно якест,
Ба тақдири ӯ роҳи тадбир нест.
Шумо гӯш доред фармони шоҳ,
Мапечед як тан аз ин размгоҳ.

www.sattor.com

Бигуфт ину бигрифташон дар канор,[1]
Раҳи Систонро баророст кор.

РАФТАНИ КОВУС БА МОЗАНДАРОН

Чу Золи сипаҳбад зи паҳлӯ бирафт,
Дамодам сипаҳ рӯй бинҳод тафт.

Ба Тусу ба Гударз фармуд шоҳ
Кашидан сипаҳ, сар ниҳодан ба роҳ.

Чу шаб рӯз шуд, шоҳу кундоварон
Ниҳоданд сар сӯи Мозандарон.

Ба Милод биспурд Эронзамин,
Калиди дари ганҷу тоҷу нигин.

Бад -ӯ гуфт гар душман ояд падид,
Туро теғи кина набояд кашид.

Зи ҳар бад ба Золу ба Рустам паноҳ,
Ки пушти сипоҳанду зебои гоҳ.

Дигар рӯз бархост овои кӯс,
Сипаҳро ҳаме ронд Гударзу Тус.

Ҳаме рафт Ковуси лашкарфурӯз,
Бизад гоҳ бар пеши кӯҳ Испирӯз.

Ба ҷое, ки пинҳон шавад офтоб,
Бад-он ҷойгаҳ сохт орому хоб.

Куҷо ҷои девони дижхим буд,
Бад-он ҷойгаҳ девро[2] бим буд.

Умедам чунон аст бар бениёз,
Ки бинам шуморо ҳама шод боз.

1. ЛМ—Саросар гирифтандаш андар канор.
2. Л – пилро.

www.sattor.com

Бигустард зарбафт бар кӯҳсор,[1]*[2]
Ҳаво пур зи бӯи маи хушгувор.[3]

Ҳама паҳлавонони фархундапай
Нишаста бари тахти Ковуси кай.

Ҳама шаб ҳаме маҷлис оростанд,
Ба шабгир, к-аз хоб бархостанд,

Пароканда наздики шоҳ омаданд,
Камарбаставу бокулоҳ омаданд.[4]

Бифармуд пас Гевро шаҳрёр,
Дубора зи лашкар гузин кун ҳазор.

Касе к-ӯ гироянд ба гурзи гарон,
Кушояндаи шаҳри Мозандарон.[5]

Ҳар он кас, ки бинӣ зи пиру ҷавон,
Тане[6] кун, ки ӯро набошад равон.

Дар ӯ[7] ҳар чи обод бинӣ, бисӯз,
Шаб овар ҳар он ҷо, ки бошад ба[8] рӯз,

Чунин то ба девон расад огаҳӣ,
Ҷаҳон кун саросар зи ҷоду тиҳӣ.

Камар басту рафт аз бари шоҳ Гев,
Зи лашкар гузин кард гурдони нев.

1. Л – беша сор.
2. М—сангсор.
3. Л—Ба дебо замин кард хуррам баҳор.
4. ИЛ – б. 174 ин б. омада:
 Замин пурнигор аз паи мешсор,
 Ҳаво пур зи бӯи маи хушгувор.
5. ТП – Чунин гуфт бо Гев Ковуси кай,
 Ки бикшой чанголу бигзор пай.
 Бирав то дари шаҳри Мозандарон
 Ҳаме то ба шамшеру гурзи гарон.
6. ЛМ – чунон.
7. Л—В-аз ӯ; И—замин.
8. Л—Бар эшон шаб овар дурахшанда; И—бошад.

www.sattor.com

Бишуд то дари шаҳри Мозандарон,
Биборид шамшеру гурзи гарон.

Зану кӯдаку марди бодаствор
Намеёфт аз[1] теғи ӯ зинҳор.

Ҳаме кард ғорат, ҳаме сӯхт шаҳр,
Биполуд бар ҷои тарёк заҳр.

Яке чун биҳишти барин шаҳр дид,
Ки аз хуррамӣ назди ӯ бахр дид.

Ба ҳар кӯю барзан фузун аз шумор[2]
Парастори ботавқу богӯшвор.

Парастанда з-ин бештар бокулоҳ,
Ба чеҳра ба кирдори тобанда моҳ.

Ба ҳар ҷой ганҷе, пароканда зар,
Ба як ҷой зарру ба дигар[3] гуҳар.

Беандоза гирд-андараш чорпой,
Биҳишт аст гуфтӣ ҳам эдун ба ҷой.

Ба Ковус бурданд аз он огаҳӣ,
Бад-он хуррамиҷою он фарраҳӣ.

Ҳаме гуфт хуррам зиёд, он кӣ гуфт,
Ки Мозандаронро биҳишт аст ҷуфт.

Ҳама шаҳр гӯӣ магар буткадаст,
Зи дебои Чин бар гул озин бубаст.[4]

Бутони биҳиштанд гӯӣ дуруст,
Ба гулнорашон рӯй Ризвон бишуст.

Чу як ҳафта бугзашт, эрониён
Зи ғорат кушуданд як-як миён.

1. Л—Надид аз сари; И—наёфт аз бари.
2. ИЛ – ҳазор.
3. И – динору ҷое.
4. Л—задаст.

www.sattor.com

Хабар шуд бари шоҳи Мозандарон,
Дилаш гашт пурдарду сар шуд гарон.

Зи девон ба пеш-андараш Санҷа буд,
Ки ҷону дилаш з-он сухан ранҷа буд.

Бад-ӯ гуфт: "Рав назди Деви Сапед,
Чунон рав, ки бар чархи гарданда шед.

Бигӯяш, ки омад ба Мозандарон
Ба ғорат аз Эрон сипоҳи гарон.

Ҳама шаҳри Мозандарон сӯхтанд,
Ба ҷанг оташи кина афрӯхтанд.[1]

Ҷаҳонҷӯй Ковусашон пешрав,
Зи лашкар басе[2] ҷангсозони нав.

Кунун гар набошӣ ту фарёдрас,
Набинӣ ба Мозандарон зинда[3] кас.[4]"

Чу бишнид пайғом, Санҷа бирафт,
Бари дев фармони шаҳ бурд тафт.

Биёмад ба наздики он сарфароз,
Бигуфт, он чи бишнид аз он размсоз.[5]

Чунин посухаш дод Деви Сапед,
Ки аз рӯзгорон машав ноумед.[6]

Биёмад кунун бо сипоҳи гарон,
Бибуррам паи ӯ зи Мозандарон.

---

1. ИЛ –б. 198 нест.
2. ИЛ—яке.
3. Л—низ.
4. Л—б. б.200 ин б. омада:
   Бишуд Санҷа наздики он бадгумон,
   Бидод огаҳӣ, гуфташ эдар мамон.
5. Л—б. 201, 202 нест;
   ТПЗИ – Саросар бигуфт, он чи шаҳ гуфта буд,
   Ҳамон низ аз он к-ӯ барошуфта буд.
6. ТПЗ - Маяндеш аз шоҳи эронсипоҳ,
   Гар ояд або лашкари кинаҳоҳ.

www.sattor.com

205 Бигуфт ину чун кӯҳ бар пой хост,
Сараш гашт бо чархи гарданда рост.[1]

---

1. ИЛ –б.205 нест;
ТПЗ – В-аз он сӯй Ковус тозон ба роҳ
Расидаш ба Мозандарон бо сипоҳ.
Чу шоҳ андар он ҷои хуррам расид,
Саропарда бар дашту ҳомун кашид.
Зи бас хаймаву хиргаҳи сурху зард
Ҳаме чашми бинандаро хира кард.
Чу бар хаймаҳо тофтӣ офтоб,
Шудӣ рӯи кишвар чу дарёи об.
Зи аспону мардони ороста,
Замин чун биҳиште пур аз хоста
Даруни саропарда тахти булур,
Ту гуфтӣ ҳаме тобад аз чарх хур.
Нишаста бар он тахт Ковусшоҳ,
Ба сар барниҳода каёнӣ кулоҳ.
Бузургони лашкар нишаста ба ҷой,
Ки буданд бо неку бад раҳнамой.
Чунин гуфт Ковус бо меҳтарон,
Ки «Эй сарфарозони кундоварон,
Шумо як ба як некхоҳи манед,
Бар оину фармону роҳи манед.
Кунун шоҳи Мозандаронро ба даст
Биёрам, барорам ба девон шикаст.
Нахоҳам, ки дар пеши он марзбон
Ба пайғому нома кушоям забон.
Чу фардо барояд хур аз ховарон,
Бароем як сар ба Мозандарон.
На шоҳаш бимонему не лашкараш,
Бигирем сар то ба сар кишвараш.
Бикӯбем саршон ба наъли сутур,
Ба девон намоем як дастзӯр,
Ҳама марзро зери по оварем,
Муроди дили худ ба ҷо оварем.
Бузургон ниҳоданд сар бар замин,
Бихонданд бар ҷони шоҳ офарин.
Ки дасти бад аз шоҳ кӯтоҳ бод,
Замину замонат накӯхоҳ бод!
Ҳама бандагонему фармонпазир,
Худованди кӯполу шамшеру тир.
Ба ранҷ аз куҷо бозмонад сипоҳ,.
Ки ҳастанд парвардаи ганҷи шоҳ.
Ҳама ҷон фидои шаҳаншаҳ кунем,
Яке разми шоҳонаро даҳ кунем.
Валекин ситамгора Деви Сапед
Нагардад бад-он ҷойгаҳ ӯ падид,

www.sattor.com

Шаб омад, яке абр шуд бар[1] сипоҳ
Ҷаҳон гашт чун рӯи зангӣ сиёҳ.

Чу дарёи Қор аст гуфтӣ ҷаҳон,
Ҳама равшаноиш гашта ниҳон.

Яке хайма зад бар сар аз дуд қор,[2]
Сияҳ шуд ҳаво, чашмҳо гашт тор.[3]

Зи гардун басе санг бориду хишт,
Пароканда шуд лашкарэрон ба дашт.[4]

Басе роҳи Эрон гирифтанд пеш
Зи кирдори Ковус дил гашта реш.[5]

Чу бигзашт шаб, рӯз наздик шуд,
Ҷаҳонҷӯйро чашм торик шуд.

Зи лашкар ду баҳра шуда тирачашм,
Сари номдорон аз ӯ пур зи[6] хашм[7]

Ҳама ганҷ торочу лашкар асир,
Ҷавон бахти шаҳ[8] тез баргашта пир.

Ки ӯ деви бисёр ҷодугар аст,
Ба девони Мозандарон ӯ сар аст.
Гар ӯ дарнаёяд дар ин корзор,
Барорем аз ҷони девон димор.
Бибуданд то шаб дар ин гуфтугӯй,
Ҳаме лоф зад марди пайкорҷӯй.
Бад-ин гуна он рӯз то вақти шом
Ҳамепухт Ковус савдои хом.

1. ИЛ – бо.
2. Л – қир.
3. Л—ҷаҳон, чашмҳо хира-хир.
4. Ил-б. 209 нест;
ТПЗИЛ– В-аз эшон фаровон табаҳ кард низ,
Набуд аз бади бахт монида чиз.
5. ИЛ –б. 210 нест.
6. Л – шуда ба.
7. ТПЗИЛ– Чу торик шуд чашми Ковусшоҳ,
Бад омад зи кирдори ӯ бар сипоҳ.
8. ИЛ –Ҷавондавлатӣ.

www.sattor.com

Ҳама достон ёд бояд гирифт,
Ки хира бимонад шигифт аз шигифт.

Сипаҳбад чунин гуфт, чун дид ранҷ,
Ки дастури бедор беҳтар зи ганҷ.

Дареғо, ки панди ҷаҳонгир Зол
Напазруфтаму омадам бадсигол.»[1]

Ба сахтӣ чу як ҳафта андаркашид,
Ба дида аз эрониён кас надид.

Ба ҳаштум биғуррид Деви Сапед,
Ки эй шоҳи бебар, ба кирдори бед,

Ҳама бартариро биёростӣ,
Чаро гоҳи Мозандарон хостӣ?

Ҳама неруи хеш чун пили маст
Бидидиву касро надодӣ ту даст.

Ту бо тоҷу бар[2] тахт нашкефтӣ,
Хирадро бад ин гуна*[3] бифрефтӣ.

Басе барда кардӣ ба Мозандарон,
Бикуштӣ басеро ба гурзи гарон.

Набудат зи корам магар огаҳӣ,
Шуда ғарра бар тахти шоҳаншаҳӣ?[4]

Кунун он чи андархури кори туст,
Дилат ёфт он орзуҳо, ки ҷуст.[5]

1. Л—тангҳол; И—б. 216 нест.
2. ЛМ –бо.
3. М—низ.
4. ИЛ –б. 222-223 нест;
ТПЗ– Набудат зи Деви Сапед огаҳӣ,
Ки гардун кунад аз ситора тиҳӣ.
5. ТПЗ–- Агар на будӣ панди омӯзгор,
Баровардаме ман зи ҷонат димор.
Намемондам як тан аз лашкарат,
Ба ҳам барзадам сар ба сар кишварат.

www.sattor.com

В-аз он наррадевони ханҷаргузор
Гузин кард ҷангӣ даҳу ду ҳазор.

Бар эрониён-бар нигаҳдор кард,
Сари саркашон пур зи тимор кард.[1]

Хуриш додашон андаке ҷонсипӯз
Бад-он, то гузоранд рӯзе ба рӯз.

В-аз он пас ҳама ганҷи шоҳу сипоҳ,
Чи аз тоҷи ёқуту пирӯза гоҳ,

Супурд, он чи дид аз карон то карон,
Ба Аржанг-солори Мозандарон.

Бари шоҳ бар-гуфту ӯро бигӯй,
К-аз Оҳарман акнун баҳона маҷӯй,

Ки ман ҳарчӣ боист, кардам ҳама,
Ба хок оваридам саросар рама.[2]

Ҳама паҳлавонони эронсипоҳ
На хуршед бинанд равшан, на моҳ.

Ба куштан накардам бар ӯ-бар ниҳеб
Бад-он, то бидонад фароз аз нишеб.

Ба зориву сахтӣ барояд-ш ҳуш,
Касе низ нанҳад бар ин кор гӯш.

Чу Аржанг бишнид гуфтори ӯй,
Ба Мозандароншоҳ бинҳод рӯй.

Валекин зи Гаршоспи лашкаршикан
Бувад аҳду паймон зи найранги ман,
Ки бар мулки Эрон наёрам ситез,
Вагарна баровардаме растахез.
Бидорам шуморо ба ранҷу ғамон,
Ки то худ шуморо сарояд замон.
Ҳаме гуфт он деви бадрӯзгор
Ба хашму ситеза або шахрёр.
1. ТПЗ– Саронро ҳама бандҳо сохтанд,
Чу аз банд бастан бипардохтанд.
2. ИЛЖ—б. 231 нест.

www.sattor.com

Ҳаме рафт бо лашкару хоста,
Асирону аспони ороста.

Чу ин кард, баргашт Деви Сапед,
Сӯи хони худ рафт бар сони шед.

Ба Мозандарон монд Ковусшоҳ
Ҳаме гуфт, к-ин буд аз ман гуноҳ.

ПАЙҒОМИ КОВУС БА ЗОЛ ВА РУСТАМ

Аз он пас ҷаҳонҷӯи хастаҷигар
Бурун кард гурде чу мурғе ба пар.[1]

Сӯи Зобулистон фиристод зуд,
Ба наздики Дастон ба монанди*[2] дуд

Бигуфташ, ки бар ман чӣ омад зи бахт,
Ба хок андаромад сари тоҷу тахт.

Ҳамон ганҷу он лашкари номдор
Биёроста чун гул андар баҳор.

Ҳама чархи гардон ба девон супурд,
Ту гуфтӣ, ки бод андаромад, бибурд.

Кунун чашм тира*[3] шуду хира*[4] бахт,
Нагунсор гашта сари тоҷу тахт.

Чунин хаста дар чанги[5] Оҳарманам,
Ҳаме бугсилонад равон аз танам.

Чу аз[6] пандҳои ту ёд оварам,
Ҳаме аз ҷигар сард бод оварам.

---

1. ТПЗ –- Ки шуд ӯ зи шоҳу зи лашкар чудо,
Биёяд дамон то бари подшо.
2. М–Дастону Рустам чу.
3. М—хира.
4. М –тира.
5. И –аз дасти.
6. Л—он.

www.sattor.com

Набудам ба фармони ту ҳушманд,
Зи камбихрадӣ[1] бар ман омад газанд.

Агар ту набандӣ бад-ин дар[2] миён,
Ҳама суду сармоя[3] бошад зиён.

Фириста зи Мозандарон рафт зуд
Чу мурғи паранда, ба кирдори дуд.[4]

Чу пӯянда наздики Дастон расид,
Бигуфт, он чи донисту диду шунид.

Чу бишнид, бар тан-ш бидрид[5] пӯст,
Зи душман ниҳон дошт ин, ҳам зи дӯст.

Ба равшандил аз дур бадҳо бидид,
Бар ӯ аз[6] замона чӣ хоҳад расид.

Ба Рустам чунин гуфт Дастони Сом,
Ки шамшер кӯтаҳ шуд андар ниём.

Нашояд к-аз ин пас чамему чарем,*[7]
Дигар хештан тоҷро[8] парварем,

Ки шоҳи ҷаҳон дар дами аждаҳост,
Бар эрониён-бар чӣ моя балост.

Кунун кард бояд туро Рахш зин,
Бихоҳӣ ба теғи ҷаҳонбахш кин.

Ҳамоно, ки аз баҳри ин рӯзгор
Туро парваронид парвардгор.

Мар ин корҳоро ту зебӣ кунун,
Маро сол шуд аз дусад- бар фузун.

1. ИЛ—каммихирад.
2. Л—камар бар.
3. Ил – судро моя.
4. ИЛ—б. 249 нест.
5. ИЛ – тан бидаррид.
6. Л—К-аз ин бар; И—К-аз ӯ бар.
7. М—хварем.
8. Л—хештанбахтро.

www.sattor.com

Аз ин кор ёбӣ ту номи баланд,
Раҳои диҳӣ шоҳро аз газанд.[1]

Нашояд бад-ин кор оҳарманӣ,
Ки осоиш орӣ, дигар[2] дам занӣ.

Баратро[3] ба бабри баён сахта[4] кун,
Сар аз хобу андеша пардахта кун.[5]

Ҳар он тан, ки чашмаш синони ту дид,
Кӣ гӯяд, к-аз он пас равон-ш орамид?

Агар ҷанги дарё кунӣ, хун шавад,
Аз овози ту кӯҳ ҳомун шавад.

Набояд, ки Аржангу Деви Сапед
Ба ҷон аз ту доранд ҳаргиз умед.

Ҳам он гардани шоҳи Мозандарон,
Ҳама мӯҳр бишкан ба гурзи гарон.[6]

Чунин дод посух-ш Рустам,[7] ки роҳ
Дароз асту ман чун шавам кинахоҳ?[8]

Аз ин подшоҳӣ бад-он,- гуфт Зол,–
Ду роҳ асту ҳарду ба ранҷу вубол.

---

1. ИЛ –б. 258, 259 нест.
2. Л—На осоиш орову на; И—агар.
3. Л—танашро.
4. ИЛ—сахт.
5. ИЛ—Сар аз кору андеша пардахт кун.
6. ТПЗ- Аз ин зистан гар барорӣ ту ном,
Пароканда гардад зи номи ту ком.
Пас аз рафтанат ном монад ба ҷой,
Ба Мозандарон пӯю эдар мапой,
Ки равшан кунӣ номи Соми савор,
Ба гетӣ набуда чу ӯ номдор,
В-аз он пас бигардад ҷаҳон роми ту,
Биларзанд девон ҳам аз номи ту.
7. Л—Чунин гуфт Рустам ба посух.
8. ТПЗ– Ба шаш моҳ рафтаст шоҳ андар он,
Аз он пас расида ба Мозандарон.
Чу ман ворасам, кай бимонад нажод
Чун ӯ нозук аз тухми шоҳи Қубод?

www.sattor.com

Яке дер боз он ки Ковус рафт
Ва дигар, ки болош бошад ду ҳафт.

Пур аз шеру дев асту пуртирагӣ,
Бимонад бар ӯ чашмат аз хирагӣ.

Ту кӯтоҳ бугзин, шигифтӣ бубин,
Ки ёри ту бошад ҷаҳонофарин.

Агарчи ба ранҷ аст, ҳам бигзарад,
Паи Рахши фаррух варо биспарад.

Шаби тира то[1] баркашад рӯз чок,
Ниёиш кунам пеши[2] Яздони пок.

Магар боз бинам бару ёли ту,
Сару бозуву чангу кӯполи ту.

В-агар ҳуши ту низ бар дасти дев
Расонид Яздони кайҳонхидев.

Тавонад касе ин сухан боз дошт?
Куҷо чун ки ояд, бибояд гузошт.

Нахоҳад ҳаме монд эдар касе,
Бибояд шуд арчанд монад[3] басе.

Касе к-ӯ ҷаҳонро ба номи баланд
Бигирад,[4] ба рафтан набошад нажанд.

Чунин гуфт Рустам ба фаррух падар,
Ки ман баста дорам ба фармон камар.

Валекин ба дӯзах чамидан ба пой
Бузургони пешин надиданд[5] рой.

1. Л—чун.
2. Л—Ситоиш кунам рӯз.
3. Л—Намонӣ, агарчанд монӣ.
4. Л—гузорад.
5. Л—надоранд.

www.sattor.com

Ҳамон аз тани хеш нобуда сер,
Наёяд касе пеши даррандашер.[1]

Кунун ман камарбаставу рафта гир,
Нахоҳам ҷуз аз додгар дастгир.

Тану ҷон фидои сипаҳбад кунам,
Тилисми тани ҷодувон[2] бишканам.

Ҳар он кас, ки зиндаст аз эрониён,
Биёрам, бубандам камар бар миён.

На Аржанг монам, на Деви Сапед,
На Санҷа, на Пӯлоди Ғандӣ, на Бед.[3]

Ба номи ҷаҳонофарин –як Худой,
Ки Рустам нагардонад аз Рахш пой.

Магар дасти Аржанг баста чу санг,
Фиканда ба гардан-ш бар[4] полҳанг.

Сару мағзи Пӯлодро зери пой,
Паи Рахш бурда заминро зи ҷой.[5]

Бипӯшид бабру баровард ёл,
Бар ӯ офарин хонд бисёр Зол.[6]

Чу пиле ба Рахш андаровард пой,
Рухаш рангбарҷову дил ҳам баҷой.

---

1. ИЛ—ғуррандашер.
2. ЛМ – Тилисму тани ҷодувон.
3. Л –На авлоди Ғандӣ, на Санҷа, на Бед.
4. Л—гардан-дараш.
5. ТПЗ – Чу хуршед бар зад сар аз пушти зоғ,
Ҷаҳон гашт аз ӯ ҳамчу наврӯзи боғ.
6. ТПЗ– Ҳамеша ба ҳар ҷой густарда ном,
Ниҳода абар чарх рахши ту гом.
Туро пушт Яздони додор бод,
Сари душманонат нагунсор бод!

www.sattor.com

Биёмад пур аз об Рӯдоба рӯй,
Ҳаме зор бигрист Дастон бар ӯй.

Чунин гуфт Рӯдобаи моҳрӯй
Ба Рустам, ки дорӣ сӯи роҳ рӯй.

Маро дар ғами худ гузорӣ ҳаме,
Ба Яздон чӣ уммед дорӣ ҳаме?

Бад –ӯ гуфт, к-эй модари некхӯй,
Набугзинам ин роҳ бар орзуй.

Чунин омадам бахш аз рӯзгор,
Ту ҷону тани ман ба Яздон супор.[1]

Ба падруд кардан-ш рафтанд пеш,
Кӣ донист, к-аш боз бинанд беш.

Замона бар ин сон ҳаме бигзарад,
Паяш*[2] марди доно ҳаме нашмарад.[3]

Ҳамон[4] рӯзи бад, к-аз ту андаргузашт,
Бар он неҳ, к-аз ӯ гетӣ обод*[5] гашт.[6]

ҲАФТ ХОНИ РУСТАМ

ХОНИ АВВАЛ

ҶАНГИ РАХШ БО ШЕРЕ[7]

Бурун рафт[8] он паҳлави Нимрӯз
Зи пеши падар гурди гетифурӯз.

Дурӯза ба як рӯз бугзоштӣ,
Шаби тираро рӯз пиндоштӣ.

---

1. Л – б. 291-294 нест.
2. М – дамаш.
3. Л – Дили марди бино ҳаме бингарад; И – бишмарад.
4. ИЛ – Мар он.
5. М – Бидонӣ, ки гетӣ дигаргуна.
6. Л – Гузашта ҳамон бод гардад ба дашт.
7. М-шер
8. Л – омад.

www.sattor.com

Бар ин сон паи[1] Рахш бибрид роҳ
Ба тобанда рӯзу шабони сиёҳ.

Танаш чун хуриш ҷусту[2] омад ба шӯр,
Яке дашт пеш омадаш пур зи гӯр.

Яке Рахшро тез бифшурд[3] рон,
Таги гӯр шуд бо таги ӯ гарон.

Каманду паи Рахшу Рустам савор,
Наёбад даду дом аз ӯ зинҳор.

Каманди каёнӣ бияндохт шер,
Ба ҳам*[4] андаровард гӯре далер.[5]

Зи пайкони тир оташе барфурӯхт,
Бар ӯ хору хошоку ҳезум бисӯхт.

Аз он пас, ки бе тӯшу бе ҷон-ш кард,
Бар он оташи тез бирён-ш кард,

Бихӯрду бияндохт дур устухон,
Ҳамин буд дегу ҳамин буд хон.

Лагом аз сари Рахш бардошт[6] хор,
Чаро[7] дид, бугзошт дар марғзор.

Яке найситон бистари хоб сохт,
Дари бимро ҷои эмин шинохт.[8]

---

1. Л – ҳаме.
2. Л – хост.
3. Л – тунд бинмуд.
4. М – ҳамд.
5. Л – Ба халқа даровард гурди далер; И – И – Ба халқ андаровард гӯри далер;
   ТПЗ – Кашиду бияфканд гӯр он замон,
   Биёмад бараш чун ҳижабри жиён.
6. И – асп бигзошт.
7. Л – гиё.
8. ТПЗ– Бихобиду шамшер дар зери сар,
   Ба ором бинҳод чун шер сар.

www.sattor.com

Дар он найситон бешаи шер буд,
Ки пиле наёраст аз он най дуруд.

Чу як пос бугзашт, даррандашер
Ба пеши куноми худ омад далер.

Ба най-бар яке пилтан хуфта дид,
Бари ӯ яке аспи[1] ошуфта дид.

Нахуст аспро гуфт бояд шикаст,
Чу хоҳам, худ ояд саворам[2] ба даст.

Сӯи Рахши рахшон биёмад дамон,
Чу оташ биҷӯшид Рахш он замон.

Ду даст андароварду зад бар сараш,
Ҳамон тездандон ба пушт-андараш.

Ҳаме зад-ш бар хок, то пора кард,
Дадеро бад-он чора[3] бечора кард.

Чу бедор шуд Рустами тезчанг,
Ҷаҳон дид бар шери дарранда танг.

Чунин гуфт, к-эй Рахши ноҳушёр,[4]
Кӣ гуфтат, ки бо шер кун корзор?

Агар ту шудӣ кушта бар дасти ӯй,
Ман ин гурзу ин миғфари ҷангҷӯй

Чӣ гуна кишидӣ[5] ба Мозандарон
Каманду камон, теғу гурзи гарон?[6]

---

1. Л – дев; И – пил.
2. И – Бихоҳад саворам худ ояд.
3. И – Дади бад бад-он ҷой; Л – ҷой.
4. ЛМ – бо рахш, к-эй ҳушёр.
5. ЗМ – кашидам.
6. ТПЗ – Набинам чу ту бораи тезтаг
Ба тундиву тезиву нармиву раг.
Чаро н-омадӣ назди ман бо хурӯш,
Хурӯши туам чун расидӣ ба гӯш?

www.sattor.com

Сарам гар зи хоби хуш огаҳ шудӣ,
Туро ҷанг[1] бо шер кӯтаҳ шудӣ.

Бигуфту бихуфту баросуд дер
Гави номбардор, гурди[2] далер.

Чу хуршед барзад сар аз тиракӯҳ,
Таҳамтан зи хоби хуш омад сутӯҳ.

Тани Рахш бистурду зин барниҳод,
Зи Яздони некидиҳиш кард ёд.[3]

ХОНИ ДУВУМ

ЁФТАНИ РУСТАМ ЧАШМАИ ОБ

Яке роҳ пеш омадаш ногузир,
Ҳаме рафт боист бар хира хир.

Биёбони беобу гармои сахт,
К-аз ӯ мурғ гаштӣ ба тан лахт-лахт.

Чунон гарм гардид ҳомуну дашт,
Ту гуфтӣ, ки оташ бар ӯ баргузашт[4]

Тани Рахшу[5] гӯё забони савор
Зи гармиву аз ташнагӣ шуд зи кор.

Пиёда шуд аз аспу жӯпин ба даст
Ҳаме рафт пӯён ба кирдори маст.

Намедид[6] бар чора ҷустан раҳе,
Сӯи осмон кард рӯй он гаҳе.

Чунин гуфт, к-эй довари додгар,
Ҳама ранҷу сахтӣ ту орӣ ба сар.

1. Л – разм.
2. И – номпардозу шери; Л – б. 322 нест.
3. ТПЗ– Нишаст аз бари Рахши рахшон чу гард,
Ба хони дуюм паҳлавон рӯй кард.
4. Л – б. 326-327 нест.
5. ИЛМ – аспу.
6. ИЛ – ҳаме ҷуст.

www.sattor.com

Гар эдун, ки хушнудӣ аз ранҷи ман,
Бад-ин гетӣ оганда шуд ганҷи ман.

Бипӯям ҳаме, то магар кирдгор
Диҳад шоҳ Ковусро зинҳор.

Ҳам эрониёнро зи чанголи дев
Раҳонад беозор кайҳонхидев.

Гунаҳкору афкандагони туанд,[1]
Парастандаву бандагони туанд.[2]

Тани пилвораш чу ин гуфта шуд,
Шуд аз ташнагӣ сусту ошуфта шуд.

---

1. ИЛ – туем.
2. ИЛ – туем;
ТПЗ– Раҳонӣ тушон пок бар дасти ман,
Ки додам ба эшон кунун ҷону тан.
Ту гуфтӣ, ки ман додгар доварам,
Ба сахтӣ ситамдидаро ёварам.
Абар дод бинӣ ҳаме кори ман,
Магардон ҳаме тира бозори ман.
Дар ин кор гардӣ маро дастгир,
Масӯзон ба ман-бар дили Золи пир.
Мадеҳ ранҷи ин лашкарамро ба бод,
Ману лашкару кишварам дор шод.
Ҳаме гуфт бо хештан пилтан,
Куҷо ёдаш омад зи гӯру кафан.
Ки будӣ агар бо сипоҳем кор,
Ба овардашон рафтаме шервор.
Ба як ҳамла зеру забар кардаме,
Дам аз ҷони эшон баровардаме.
В-агар з-он ки пеш омадӣ кӯҳи Ганг,
Ба як ҳамлаи ман накардӣ диранг.
Ба гурзи гарон кардаме кӯҳ паст,
Бибурдӣ ба мардӣ мар ӯро шикаст.
В-агар з-он ки дарё на Ҷайҳун будӣ,
Ки киштӣ зи дарё на берун будӣ.
Ба нерӯи доранда Яздони пок
Биёгандаме дар заминаш ба хок
Валекин чӣ суд аст мардиву зӯр,
Ки шуд бахти созандаро чашм кӯр.
Бар ин барру ин ташнагӣ чун кунам,
Ба марги равон-бар чӣ афсун кунам?

www.sattor.com

Бияфтод Рустам бад-он гармхок,
Забон гашта аз ташнагӣ чок-чок.

Ҳамон гаҳ яке меши некӯсурин
Бипаймуд пеши Таҳамтан замин.

Аз он рафтани меш андеша хост,
Ба дил гуфт, обишхур ин ҷо куҷост?

Ҳамоно, ки бахшоиши кирдгор
Фароз омадаст андар ин рӯзгор.

Бияфшурд шамшер бар дасти рост,
Ба зӯри ҷаҳондор бар пой хост.

Бишуд дар паи мешу теғаш[1] ба чанг,
Гирифта ба дасти дигар полҳанг.[2]

Ба раҳ-бар яке чашма омад падид,[3]
Ки меши сарафроз[4] он ҷо расид.

Таҳамтан сӯи осмон кард рӯй,
Чунин гуфт, к-эй довари ростгӯй,

Бар ин чашма ҷои паи меш нест,
Ҳамон ғурми даштӣ маро хеш нест.

Ба ҷое, ки танг андаромад сухун,
Паноҳат ба ҷуз покяздон макун,

Ки ҳар[5] кас, ки аз додгар як Худой
Бупечад, хирадро надорад ба ҷой.

Бар он ғурм-бар офарин кард чанд,
Ки аз чархи гардон мабодат газанд.

---

1. ИЛ –бар паи меш теғе.
1*. Л – ки.
2. ТПЗ – Ҳаме рафт мешу ҳаме рафт гурд,
Ҳаме рӯзи фаррух ҳаме баршумурд.
3. ИЛ – чашмаи об дид.
4. Л – дилором.
5. Л – ҳар он.

www.sattor.com

Гиёҳи дару дашти ту сабз бод,
Мабодо зи ту бар дили юз ёд.*[1]

Ба ту ҳар кӣ ёзад ба тиру камон,
Шикастакамон боду тираравон![2]

Ки зинда шуд аз ту гави пилтан,
В-агарна пурандеша буд аз кафан,

Ки дар синаи аждаҳои бузург
Нагунҷад, бимонад ба чанголи гург.

Шуда пора-пора катону[3] кашон,
Зи Рустам ба душман расида нишон.

Забонаш чу пардахта шуд з-офарин,
Зи Рахши таковар ҷудо кард зин.

Ҳама тан[4] бишусташ бад-он оби пок,
Ба кирдори хуршед шуд тобнок.

Чу сероб шуд, сози нахчир кард,
Басечиду таркаш пур аз тир кард.

Бияфканд гӯре чу пили жиён,
Ҷудо кард аз ӯ чарму пову миён.

Чу хуршед тез оташе барфурӯхт,
Баровард з-обу дар оташ бисӯхт.

Бипардахт аз он пас ба хӯрдан гирифт,
Ба чанг устухонаш фушурдан гирифт.

Сӯи чашмаи равшан омад ба об,
Чу сероб шуд, кард оҳанги хоб.

Таҳамтан ба Рахши ситезанда гуфт,
Ки бо кас макӯшу машав низ ҷуфт.

1. М – абар ту дили юз шод.
2. Л – гумон.
3. Л – канону.
4. ИЛ –Таҳамтан.

www.sattor.com

Агар душман ояд, сӯи ман бипӯй,
Ту бо деву шерон машав ҷангҷӯй!»[1]

Бихуфту биёсуду накшод лаб
Чамону чарон Рахш то ними шаб.

ХОНИ СЕВУМ

ҶАНГИ РУСТАМ БО АЖДАҲО

Зи дашт андаромад яке аждаҳо,
К-аз ӯ пил гуфтӣ наёбад раҳо.[2]

Бад-он ҷойгаҳ будаш оромгоҳ,
Накардӣ зи бимаш бар ӯ дев роҳ.

Биёмад, ҷаҳонҷӯйро хуфта дид,
Бари ӯ яке аспи[3] ошуфта дид.

Пурандеша шуд, то чӣ омад падид,
Кӣ ёрад бад-ин ҷойгаҳ орамид?

Наёраст кардан кас он ҷо гузар
Зи девону пилону шерони нар.

Ҳамин низ, к-омад, наёбад раҳо
Зи чанги бадандеш нараждаҳо.

Сӯи Рахши рахшанда бинҳод рӯй,
Давон Рахш шуд назди дайҳимҷӯй.

Ҳаме кӯфт бар хок рӯинасум,
Чу тундар хурӯшиду афшонд дум.[4]

Таҳамтан чу аз хоб бедор шуд,
Сари пурхирад пур зи пайкор шуд.

1. ТПЗ – Маро Эзад аз баҳри ҷанг офарид,
Туро аз паи зину танг офарид.
2. ТПЗ – Чӣ гӯям аз он аждаҳои дижам,
Ки ҳаштод газ буд аз дум ба дам.
3. И – деви.
4. ИЛ –б. 371 нест.

www.sattor.com

Ба гирди биёбон ҳаме бингарид,
Шуд он аждаҳои дижам нопадид.

Або Рахш бар хира пайкор кард,
Бад-он, к-ӯ сари хуфта[1] бедор кард.

Дигарбора чун шуд ба хоб-андарун,
Зи торикӣ он аждаҳо шуд бурун.

Ба болини Рустам таг овард Рахш,
Ҳаме канд хоку ҳаме кард пахш.

Дигарбора бедор шуд хуфтамард,
Барошуфту рухсора гулранг кард.[2]

Биёбон ҳама сар ба сар бингарид,
Ҷуз аз тирагӣ шаб*[3] ба дида[4] надид.

Бад-он меҳрбон Рахши бедор гуфт,
Ки «Торикии шаб нахоҳӣ нуҳуфт?

Сарамро ҳаме боздорӣ зи хоб,
Ба бедории ман гирифтат[5] шитоб?

Гар ин бор созӣ чунин растахез,
Саратро бибуррам ба шамшери тез.

Пиёда шавам сӯи Мозандарон,
Кашам хӯду[6] шамшеру[7] гурзи гарон.

Туро гуфтам, ар шерат ояд ба ҷанг,
Зи баҳри ту орам ман ӯро ба чанг.

1. И – гуна сархуфта.
2. ИЛМ –рухсорагон кард зард.
3. М – у.
4. И – б. 378 нест; Л – ҷуз аз тира шаб ҳеҷ дигар.
   Л – ҳушёр.
5. Л – гирифтӣ.
6. И – зину.
7. Л – зину кӯполу.

www.sattor.com

Нагуфтам, ки имшаб ба ман баршитоб,
Ҳамебош, то ман начунбам зи хоб.»[1]

Севум раҳ ба хоб андаромад сараш,
Зи бабри баён дошт пӯшиш бараш.

Биғуррид боз аждаҳои дижам,
Ҳаме оташ афрӯхт гуфтӣ[2] ба дам.

Чарогоҳ бугзошт Рахш он замон,[3]
Наёраст рафтан бари[4] паҳлавон.

Дилаш з-он шигифтӣ ба ду ним буд,
К-аш аз Рустаму аждаҳо бим буд.

Ҳам аз меҳри меҳтар[5] дилаш н-орамид,
Чу боди дамон пеши Рустам дамид.[6]

Хурӯшиду ҷӯшиду барканд хок,
Зи наълаш замин шуд ҳама чок-чок.

Чу бедор шуд Рустам аз хоби х(в)аш,
Барошуфт бо бораи дасткаш.

Чунин хост[7] равшан ҷаҳонофарин,
Ки пинҳон накард аждаҳоро замин.

Бад-он[8] тирагӣ Рустам ӯро бидид,
Сабук теғи тез аз миён баркашид.

Биғуррид бар сони абри баҳор,
Замин кард пуроташи корзор[9].

---

1. ИЛ – б. 383,384 нест.
2. Л – гӯӣ.
3. Л – Рахши дамон.
4. И – сӯи.
5. ИЛ – Чу аз меҳри Рустам.
6. Л – давид.
7. Л – Чунон сохт; И – чунон кард.
8. Л – Дар он.
9. ЛЗ – б.б. 394 ин б. омада;
   Бидонист, к-он аждаҳо ҷоду аст,
   Або одамӣ душмани бадху аст.

www.sattor.com

Бад-он аждаҳо гуфт: Баргӯй ном,
К-аз ин пас набинӣ ту гетӣ ба ком.

Набояд, ки бе ном бар дасти ман
Равонат барояд зи торик тан.

Чунин гуфт дижхим нараждаҳо,
Ки аз чанги ман кас наёбад раҳо.

Сад андар сад ин дашт ҷои ман аст,
Баланд осмонаш ҳавои ман аст.

Наёрад паридан ба сар-бар уқоб,
Ситора набинад заминаш ба хоб.

Бад-ӯ аждаҳо гуфт:[1] Номи ту чист?
Ки зояндаро бар ту бояд гирист.

Чунин дод посух, ки ман Рустамам,
Зи Дастони Сомам, ҳам аз Найрамам.

Ба танҳо яке кинавар лашкарам,
Ба Рахши диловар замин биспарам.

Бубинӣ зи ман дастбурди набард,
Саратро ҳам акнун дарорам ба гард.[2]

Баровехт бо ӯ ба ҷанг аждаҳо,
Наёмад ба фарҷом ҳам з-ӯ раҳо.[3]

Чу зӯри тани аждаҳо дид Рахш,
К-аз он сон баровехт бо тоҷбахш.

Бимолид гӯшу даромад шигифт,
Биканд аждаҳоро ба дандону кифт.[4]

---

1. Л – бигуфт ину пас гуфт.
2. ИЛ – б. 403 нест.
3. ТПЗ– Бад-он сон биёвехт бо пилтан,
   Ту гуфтӣ ба Рустам даромад шикан.
4. ИЛ – Баландаждаҳоро ба дандон гирифт; Х – ба дандон ду китф.

www.sattor.com

Бидаррид чармаш бад-он сон, ки шер,
Дар ӯ хира шуд паҳлавони далер.

Бизад теғу андохт[1] аз тан сараш
Фурӯ рехт чун руд хун аз бараш.

Замин шуд ба зер-андараш*[2] нопадид,
Яке чашмаи хун аз ӯ бардамид.

Чу Рустам бад-он аждаҳои дижам
Нигаҳ кард бар ёли[3] он тездам.

Биёбон ҳама зери ӯ дид пок,
Равон хуни гарм аз бари тирахок.

Таҳамтан аз ӯ дар шигифтӣ бимонд,
Ҳаме паҳлавон номи Яздон бихонд.

Ба об андаромад, сару тан бишуст,
Ҷаҳон ҷуз ба зӯри[4] ҷаҳонбон наҷуст.

Ба Яздон чунин гуфт, к-эй додгар,
Ту додӣ маро донишу зӯру фар,

Ки пешам чи шеру чи деву чи[5] пил,
Биёбони беобу дарёи Нил.

Бадандеш бисёру гап андакест,
Чу хашм оварам, пеши чашмам якест.

ХОНИ ЧАҲОРУМ

КУШТАНИ РУСТАМ ЗАНИ ҶОДУРО

Чу аз офарин гашт пардохта,
Биёвард гул Рахшро[6] сохта.

---

1. Л – теғ б-андохт.
2. М – зери танаш.
3. Л – кард бад-он ёлу.
4. Л – Ҷаҳондорро чуз.
5. ИЛ – дар пеши деву ҳам шеру.
6. Л – мар Рахшро; И – он Рахшро.

www.sattor.com

Нишаст аз бари Рахшу[1] раҳ баргирифт,
Ҷамон манзили ҷодувон даргирифт.[2]

Ҳаме ронд[3] пӯён ба роҳи дароз,
Чу хуршеди тобон бигашт аз фароз.

Дарахту гиё диду оби равон,
Чунон чун бувад ҷои марди ҷавон.

Чу чашми тазарвон яке чашма дид,
Яке ҷоми заррин, бараш[4] пурнабид.*[5]

Яке ғурми[6] бирёну нон аз бараш,
Намакдону ричор гирд-андараш.[7]

Фуруд омад аз аспу зин баргирифт,
Ба ғурму ба нон андаромад[8] шигифт.

Хури ҷодувон буд, чу Рустам расид,
Аз овози ӯ дев шуд нопадид.

Нишаст аз бари чашма бар гирди най,[9]
Яке ҷоми ёқут[10] пур кард май.

Або май яке нағз танбур буд,
Биёбон чунон хонаи сур буд.

Таҳамтан мар онро ба бар даргирифт,
Бизад руду гуфторҳо баргирифт[11],

1. ИЛ – зину.
2. Л – Зи роҳаш паи ҷоду андаргирифт;
   И – Ҷаҳон манзили ҷоду андаргирифт.
3. Л – Ҳаме рафт.
4. Л – дар ӯ.
5. М – Ба ҷоме чу хуни кабӯтар набид.
6. Л – мурғи.
7. ТПЗ – Чу Рустам чунин ҷои боиста дид,
   Худовандро офарин густарид.
8. Л – мурғу ба нон дарбимонда.
9. Л – фархундапай.
10. Л – зар ёфт.
11. Л – даргирифт.

www.sattor.com

Ки овозаи баднишон[1] Рустам аст,
Ки аз рӯзи шодиш баҳра кам аст.

Ҳама ҷои ҷанг аст майдони ӯй,
Биёбону кӯҳ аст бӯстони ӯй.

Ҳама ҷанг бо деву нараждаҳо,[2]
Зи деву биёбон наёбад раҳо.

Маю ҷому бӯё гулу[3] марғзор,
Накардаст бахшиш маро рӯзгор.

Ҳамеша ба ҷанги[4] наҳанг-андарам,
Дигар бо палангон ба ҷанг-андарам.

Ба гӯши зани ҷоду омад суруд,
Ҳамон чомаи[5] Рустаму захми[6] руд.

Биёрост рухро ба сони баҳор,
В-агарчанд зебо набудаш нигор.

Бари Рустам омад пур аз рангу бӯй,
Бипурсиду биншаст наздики ӯй.

Таҳамтан ба Яздон ниёиш гирифт,
Бар ӯ офарину ситоиш[7] гирифт,

Ки дар дашти Мозандарон ёфт хон,
Маю руд[8] бо майгусори ҷавон.

Надонист, к-ӯ ҷодуи риман аст,
Нуҳуфта ба ранг-андар Аҳриман[9] аст.

1. Л – Ки оворaву пур зи ғам.
2. Л – Ҳама разм бо шеру бо аждаҳо.
3. Л – бӯи гулу; И – бар по гулу.
4. ИЛ – ҷанги.
5. ЛМ – нолаи; И – нағмаи.
6. Л – бонги.
7. И – офарин бар ситоиш; Л – офаринҳо фазоиш.
8. ИЛ – ҷом.
9. Л – оҳарман.

www.sattor.com

Яке тоси май бар кафаш[1] барниҳод,
Зи додори некидиҳиш кард ёд.

Чу овоз дод, аз худованди меҳр
Дигаргуна баргашт ҷоду ба чеҳр.

Равонаш гумони ситоиш надошт,
Забонаш тавони ниёиш надошт.[2]

Сияҳ гашт, чун номи Яздон шунид,
Таҳамтан сабук чун бад-ӯ бингарид.

Бияндохт аз бод[3] ҳамми каманд,
Сари ҷоду овард[4] ногаҳ ба банд.

Бипурсид, гуфташ чӣ чизӣ, бигӯй,
Бар он гуна к-ат ҳаст,[5] бинмой рӯй.

Яке гандапире шуд андар каманд,
Пурожангу найрангу банду газанд.

Миёнаш ба ханҷар ба ду ним кард,
Дили ҷодувонро пур аз бим кард.

ХОНИ ПАНҶУМ

ГИРИФТОР ШУДАНИ АВЛОД БА ДАСТИ РУСТАМ

В-аз он ҷо сӯи роҳ бинҳод рӯй
Чунон чун бувад мардуми роҳҷӯй.

Ҳаме рафт пӯён, ба ҷое расид,
Ки андар ҷаҳон равшаноӣ надид.[6]

Шаби тира чун рӯи зангӣ сиёҳ,
Ситора на пайдо, на тобанда[7] моҳ.

1. Л – ҷоми бода ба каф.
2. И – б. 439-441 нест.
3. И – бол.
4. Л – афканд.
5. Бад – он сон, ки ҳастӣ ту.
6. Л – Шабу рӯз ҳар ду (ба) як сон будӣ,
   Дили мардум аз вай ҳаросон будӣ.
7. Л – хуршеду.

www.sattor.com

Ту хуршед гуфтӣ ба банд-андар аст,
Ситора ба хамми каманд-андар аст.

Инон Рахшро доду бинҳод рӯй,
На афроз дид аз сиёҳӣ, на ҷӯй.[1]

В-аз он ҷо сӯи рӯшноӣ расид,
Замин парниён диду яксар хавид.[2]

Ҷаҳоне зи пирӣ шуда навҷавон,[3]
Ҳама сабзаву обҳои равон.

Ҳама ҷома бар тан-ш чун об буд,
Ниёзаш ба осоишу хоб буд.

Бурун кард бабри баён аз бараш,
Ба хай - андарун ғарқа буд миғфараш

Бигустард ҳар ду абар[4] офтоб,
Ба хобу ба оромиш[5] омад шитоб.

Лагом аз сари асп[6] бардошт хор,
Раҳо кард бар хеду бар киштзор.

Бипӯшид, чун хушк шуд хӯду бабр,
Гиё кард бистар ба сони ҳизабр.[7]

Чу дар сабза[8] дид аспро[9] даштбон,
Кушодазабон шуд дамону данон.[10]

Сӯи Рустаму Рахш бинҳод рӯй,
Яке чӯб зад гарм бар пои ӯй.

---

1. И – б. 448-451 нест.
2. ИЛ – зи хед.
3. И – чун ҷавон.
4. ИЛ – бари.
5. ИЛ – осоиш.
6. Л – Рахш.
7. ТПЗ– Сипар зери сар, теғ бинҳод пеш,
   Ниҳода ба даста - бараш дасти хеш.
8. Л – кишта.
9. Л – Рахшро.
10. Л – сӯи вай дамон.

www.sattor.com

Чу аз хоб бедор шуд пилтан,
Бад- ӯ даштбон гуфт, к-«Эй аҳриман,

Чаро асп дар хед бугзоштӣ,
Бари ранҷ нобурда бардоштӣ?»

Зи гуфтори ӯ тез[1] шуд марди хуш,
Биҷасту гирифташ якояк ду гӯш.

Бияфшурду барканд ҳар ду зи бун,
Нагуфт аз баду нек бо ӯ сухун.

Сабук даштбон гӯшҳо баргирифт,
Ғиревон аз ӯ монд андар шигифт.

Бад-он марз Авлод буд паҳлавон,
Яке номдоре, далере,[2] ҷавон.

Бишуд даштбон назди ӯ бо хурӯш,
Пур аз хун сару дасту канда ду[3] гӯш.

Бад - ӯ гуфт марде чу деви[4] сиёҳ,
Палангина ҷавшан, аз оҳан кулоҳ.

Куҷо ӯ саропой оҳарман аст,[5]
В-агар аждаҳо, хуфта дар ҷавшан аст.

Бирафтам, ки аспаш биронам зи кишт,
Маро худ ба аспу ба кишта наҳишт.

Маро диду баргашта ёфа[6] нагуфт,
Ду гӯшам биканду ҳамон ҷо бихуфт.[7]

---

1. ИЛ – тира.
2. Л – ҷангҷӯю далеру.
3. Л – Гирифта ба ду даст; И – Сари даст карда ду.
4. И – шери.
5. ИЛ – Ҳама дашт сар то сар оҳарман аст.
6. ИЛ – ёва.
7. ТПЗИЛ– Чу бишнид Авлод, барҷаст зуд,
   Бурун омад аз сӯзи* дил ҳамчу дуд.

   * Л – дарди.

www.sattor.com

Ҳаме гашт Авлод дар марғзор
Або номдорон зи баҳри шикор.[1]

Чу аз даштбон он суханҳо шунид,
Ба нахчиргаҳ-бар паи шер дид.

Инонро бупечид бо саркашон,
Бад-он сӯ ки буд аз Таҳамтан нишон,

Ки то бингарад, к-ӯ чи мард аст х(в)ад,
Або ӯ зи баҳри чӣ кардаст бад.[2]

Чу омад ба танг-андарун ҷангҷӯй,
Таҳамтан сӯи Рахш бинҳод рӯй.

Нишаст аз бари зину бурранда теғ
Кашиду биёмад чу ғурранда меғ.

Расиданд чун як ба дигар фароз,
Або якдигар баркушоданд роз.[3]

Бад-ӯ гуфт Авлод: «Номи ту чист?
Чӣ мардиву шоҳу паноҳи ту кист?

Набоист кардан бар[4] ин сӯ гузар
Бари наррадевони[5] пархошхар.

Чаро гӯши ин даштбон кандаӣ,
Ҳамон асп дар кишт афкандаӣ?

Ҳам эдун ҷаҳон бар ту созам сиёҳ,
Абар хок орам туро ин кулоҳ.[6]

Чунин гуфт Рустам, ки номи ман абр,
Агар абр бошад ба чанги ҳизабр.

---

1. Л – номдорону мардони кор.
2. ИЛ – б. 475 нест.
3. ИЛ – б. 478 нест.
4. Л – аз; И – бад ин.
5. ЛМ – Раҳи наррашерони.
6. ИЛ – б. 481, 482 нест.

www.sattor.com

Ҳама найзаву теғ бор оварад,
Саронро сар андар канор оварад.

Ба гӯши ту гар номи ман бигзарад,
Дами ҷону хуни дилат бифсурад.

Наёмад ба гӯшат ба ҳар анҷуман
Каманду камони гави пилтан?

Ҳар он мом, к-ӯ чун ту зояд писар,
Кафандӯз хонемашу мӯягар.

Ту бо ин сипаҳ пеши ман рондӣ,[1]
Ҳаме гавз бар гунбад афшондӣ.[2]

Наҳанги бало баркашид аз ниём,
Биёвехт аз пеши зин хамми хом.

Чу шер андаромад миёни рама,
Бикушт, он ки буданд гирдаш ҳама.

Ба як захм ду-ду сари сарфароз[3]
Бияндохт аз тан ба кирдори гоз.[4]

Саронро зи захмаш ба хок[5] оварид,
Сари саркашон зери пай густарид.[6]

Шикаста шуд он лашкар аз паҳлавон,
Гурезон бирафтанду тираравон.[7]

Дару дашт шуд пур зи гарди савор,
Пароканда гаштанд бар кӯҳу ғор.

Ҳаме рафт Рустам чу пили дижам,
Каманде ба бозу-дарун[8] шаст хам.

1. Л – рондӣ.
2. Л – афшондаӣ.
3. И – бияфканд хор.
4. Л – Зи тан ме чудо карду тан баргудоз; И – Ба як тан бад-он оҳани обдор.
5. ИЛ – по.
6. ИЛ – Сӯи бандашон тан ба рой оварид.
7. ИЛ – б. 493 нест.
8. Л – фитрок бар.

www.sattor.com

Ба Авлод чун Рахш наздик шуд,
Кулаҳдорро[1] рӯз торик шуд.

Бияфканд Рустам каманди дароз,
Ба ҳам андаромад сари сарфароз.

Зи асп андаромад, ду дасташ бубаст,
Ба пеш андарафканду худ барнишаст.

Бад-ӯ гуфт: Агар рост гӯӣ сухун,
Зи кажжӣ на сар ёбам аз ту,[2] на бун.

Намоӣ маро ҷои Деви Сапед,
Ҳамон ҷои Пӯлоди[3] Ғандиву Бед.

Ба ҷое,*[4] ки бастаст Ковусшоҳ,
Куҷо ин[5] бадиҳо намудаст[6] роҳ,

Намоиву пайдо кунӣ ростӣ,
Наёрӣ ба дод[7]- андарун костӣ.

Ман ин тоҷу ин тахту[8] гурзи гарон
Бигардонам аз шоҳи Мозандарон.

Ту бошӣ бар ин буму бар шаҳрёр,
Гар эдун, ки кажжӣ наёрӣ ба кор.

В-агар кажжӣ орӣ ба гуфт-андарун,
Равон созам аз чашми ту руди хун.[9]

Бад-ӯ гуфт Авлод: Мағзат зи хашм
Бипардозу букшой якбора чашм.

1. И – б. 496 нест; Л – Ба кирдори шаб.
2. Л – ёбӣ аз худ.
3. Л – Аржангу.
4. М – Ҳамон ҷо.
5. Л – Касе к-ин.
6. И – Касе к-ин бадиҳо намудаш ба
7. Л – кор.
8. И – он тоҷи шоҳӣ ба.
9. ИЛ - б. 505 нест.

www.sattor.com

Тани ман мапардоз хира зи ҷон,
Биёбӣ зи ман, ҳар чӣ пурсӣ нишон.

Ба ҷое, ки бастаст Ковусшоҳ,
Намоям[1] туро як ба як шаҳру роҳ.

Туро хонаи Беду[2] Деви Сапед
Намоям, чу додӣ диламро навид.[3]

Кунун то ба наздики Ковуси кай
Сад афканда фарсанг бахшандапай.[4]

В-аз он ҷо сӯи дев фарсанг сад
Биёяд[5] яке роҳи душхору бад.

Миёни ду кӯҳ аст пурҳавл ҷой,
Напаррад бар он осмонаш ҳумой.

Миёни ду сад[6] чоҳсоре шигифт,
Ба паймоиш[7] андоза натвон гирифт.

Зи девони ҷангӣ даҳу ду ҳазор
Ба шаб посбонанд бар кӯҳсор.[8]

Чу Пӯлоди Ғандӣ сипаҳдорашон,[9]
Чу Беду чу Санҷа нигаҳдорашон.[10]

Сари наррадевон чу Деви Сапед,
К-аз ӯ кӯҳ ларзон бувад ҳамчу бед.[11]

1. Л – Бигӯям.
2. И – пилу; Л – хонаву ҷой.
3. Л – Намоям ҳамон ҳар чи дорӣ умед; И – Ҳамон ман нашоям, ки дорӣ навид;
ТПЗ– Бидон, эй ситуда яли девдил,
Ки Эзад сиришттат аз ин моя гил.
4. Л – б. 510 нест.
5. Л – Дарояд; И – б. 510, 511 нест.
6. Л – Саф.
7. ЛМ – паймон-ш.
8. Л – гоҳсор.
9. ИЛ – сипаҳдори ӯй.
10. Л – нигаҳдори ӯй; И – Чу бедор Санҷа нигаҳдори ӯй.
11. И – б. 516 нест.

www.sattor.com

Яке кӯҳ ёбӣ мар ӯро ба тан,
Бару кифту*[1] ёлаш бувад даҳ расан.

Туро бо чунин ёлу дасту инон,
Гузорандаи теғу гурзу синон,

Чунин бурзу болову ин коркард,
На хуб аст бо дев пайкор кард.[2]

Чу з-он[3] бугзарӣ, санглох асту дашт,
Ки оҳу бар он-бар[4] наёрад гузашт.

В-аз[5]*[6] он бугзарӣ, рӯди об аст пеш,
Чу[7] паҳнои ӯ аз[8] ду фарсанг беш.

Кунoранг деве нигаҳбони ӯй,
Ҳама наррадевон ба фармони ӯй.

В-аз он рӯй Бузгӯш то[9] Нармпой,
Чу фарсанг сесад кашида сарой.[10]

Зи Бузгӯш то шаҳри Мозандарон
Раҳи зишту фарсангҳои гарон.

Пароканда-дар подшоҳӣ, савор
Ҳамоно, ки ҳасташ ҳазорон-ҳазор.

Чунон лашкаре[11] бо силеҳу дирам,
Набинӣ якеро аз эшон дижам.

Зи пилони ҷангӣ ҳазору дувист,
К-аз эшон ба шаҳр-андарун ҷой нест.

---

1. М – китф.
2. Л – ҷустан набард.
3. К-аз ин; И – К-аз ӯ.
4. Л – раҳ.
5. Л – Чу з-он; К-аз ӯ.
6. М – Аз.
7. И – Ки.
8. И – Бар.
9. Л – Сангсор бо Нармпой.
10. Л – ба пой.
11. Л – лашкари.

www.sattor.com

Ту танҳо таниву[1] агар з-оҳанӣ[2],
Бисоӣ ба сӯҳони оҳарманӣ.

Бихандид Рустам зи гуфтори ӯй,
Бад-ӯ гуфт: Гар бо манӣ роҳҷӯй,

Бубинӣ, к-аз ин як тани пилтан
Чӣ ояд бад-он номдор анҷуман.

Ба нерӯи Яздони пирӯзгар,
Ба бахту ба шамшеру тиру ҳунар.

Чу бинанд тови[3] бару ёли ман,
Ба ҷанг[4]- андарун захми кӯполи ман,

Бидаррад паю пӯстшон аз ниҳеб,
Инонро надонанд боз аз рикеб.

Бад-он сӯ, куҷо ҳаст Ковуси кай,
Кунун[5] роҳ бинмову бардор пай.

Бигуфт ину биншаст бар Рахш шод,
Давон буд Авлод монанди бод.[6]

Наёсуд тира шабу пок рӯз,
Ҳаме ронд то пеши Кӯҳиспарӯз,

Бад-он ҷо, ки Ковус лашкар кашид,
Зи деву зи ҷоду бад-ӯ бад расид.

Чу як нима бугзашт аз[7] тирашаб,
Хурӯш омад аз дашту бонги ҷалаб.[8]

---

1. Л – танӣ ту ба танҳову.
2. И – Ту танҳоӣ, эй гурзаи оҳанӣ.
3. ИЛ – пою.
4. ИЛ – Ба бол.
5. Л – Маро.
6. И – б. 535 нест.
7. ИЛ – аз он.
8. Л-шағаб.

www.sattor.com

Ба Мозандарон оташ афрӯхтанд,
Ба ҳар ҷой шамъе ҳаме сӯхтанд.

Таҳамтан ба Авлод гуфт: Он куҷост,
Ки оташ баромад зи чаппу зи[1] рост?

Дари шаҳри Мозандарон аст, гуфт,
Ки аз шаб ду баҳра наёранд хуфт.[2]

Бад-он ҷойгаҳ бошад Аржангдев,
Ки ҳазмон[3] барорад ғурунгу[4] ғирев.

Бихуфт он замон Рустами ҷангҷӯй,
Чу хуршеди тобанда бинмуд рӯй.

Бупечид Авлодро бар дарахт,
Ба банди камандаш биёвехт сахт.[5]

Ба зин-андар афканд гурзи ниё,
Ҳаме рафт якдил, пур аз кимиё.

ХОНИ ШАШУМ

ҶАНГИ РУСТАМ ВА АРЖАНГДЕВ

Яке миғфари хусравӣ бар сараш,
Хайолуда бабри баён дар бараш.

Ба Аржанг солор бинҳод рӯй,
Чу омад ба лашкаргаҳи[6] ҷангҷӯй.

---

1. Л – чапу дасти.
2. ТПЗИ – Сипаҳбад чу Пӯлоду Аржангу Бед,
   Ҳама паҳлавонони Деви Сапед,
   Дарахте, ки сар дорад андар саҳоб,
   Ситора зада, баркашида таноб.
3. ИЛ – ҳар дам.
4. Л – хурӯшу; барояд хурӯшу.
5. ТПЗИ– Чу хуршед барзад сар аз тиракӯҳ,
   Ҷаҳонро бияфзуд фарру шукӯҳ.
   Зи хоб андаромад гави тоҷбахш,
   В-аз он ҷо бирафт ӯ ба наздики Рахш*.

   * И – б. 2 нест.
6. ИЛ – бари лашкари.

www.sattor.com

Яке наъра зад дар миёни гурӯҳ,
Ки гуфтӣ бидаррид дарёву кӯҳ.

Бурун ҷаст аз он хайма[1] Аржангдев,
Чу омад ба гӯшаш аз он сон[2] ғирев.

Чу Рустам бидидаш, барангехт асп,
Биёмад бари ӯ чу Озаргушасп.

Сари гӯш бигрифту ёлаш далер,
Сар аз тан бикандаш ба кирдори шер.

Пур аз хун сари дев канда зи тан,
Бияндохт з-он сӯ, ки буд анҷуман.

Чу девон бididанд кӯполи ӯй,
Бидаррид дилшон зи чанголи ӯй.

Накарданд ёд аз бару буму руст,
Падар бар писар - бар ҳаме роҳ ҷуст.

Бароҳехт шамшери кин пилтан,
Зи девон бипардохт он[3] анҷуман.

Чу баргашт хуршеди[4] гетифурӯз,
Биёмад дамон то ба Кӯҳиспарӯз.

Зи Авлод букшод ҳамми каманд,
Нишастанд зери дарахти баланд.

Таҳамтан зи Авлод пурсид роҳ,
Ба шаҳре куҷо буд Ковусшоҳ.

Чу бишнид аз ӯ тез, бинҳод рӯй
Пиёда давон пеши ӯ роҳҷӯй.

Чу омад ба шаҳр-андарун тоҷбахш,
Хурӯше баровард чун раъд Рахш.

1. ИЛ – аз хайма.
2. Л – аз он сӯ гӯшаш.
3. Л – Бипардохт якбора з-он.
4. ИЛ – пирӯзи.

www.sattor.com

Чу бишнид Ковус овози ӯй,
Бидонист анҷому оғози ӯй.[1]

Ба эрониён гуфт пас шаҳрёр,
Ки моро сар омад бади рӯзгор.

Хурӯшидани Рахшам омад ба гӯш,
Равону дилам тоза шуд з-он хурӯш.

Ба гоҳи Қубод инчунин шиҳа кард,
Куҷо кард бо шоҳи туркон набард.

Ҳаме гуфт лашкар, ки Ковусшоҳ
Зи банди гаронаш шуда ҷонтабоҳ.

Хирад аз сараш рафтаву ҳушу фар,
Ту гӯӣ ҳаме хоб гӯяд магар.

Надорем чора дар ин банди сахт,
Ҳамоно, ки аз мо бигардид бахт.[2]

Биёмад ҳам андар замон пеши ӯй
Яли оташафрӯзи пархошҷӯй.

Чу наздики Ковус шуд пилтан,
Ҳама сарфарозон шуданд анҷуман.

Чу Гударзу чун Тусу Геви далер,
Чу Густаҳму Шедӯшу Баҳроми шер.[3]

Ғиревид бисёру[4] бурдаш намоз,
Бипурсидаш аз ранҷҳои дароз.

Гирифташ ба[5] оғӯш Ковусшоҳ,
Зи Золаш бипурсиду аз ранҷи роҳ.

---

1. ИЛ – б. 561 нест.
2. ТПЗ – Дар ин гуфта буданд эрониён,
   Куҷо паҳлавон танг баста миён;
   ИЛ-б. 563-567 нест; Л – б. 564-567 нест.
3. ИЛ – б. 570 нест.
4. Л – фаровон ғиревиду.
5. ИЛ-дар.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт пинҳон: Аз ин ҷодувон
Ҳаме Рахшро кард бояд ниҳон.[1]

Чу ояд ба Деви Сапед огаҳӣ,
К-аз Арҷанг шуд рӯи гетӣ тиҳӣ.

Ба наздики Ковус шуд пилтан,
Ҳама наррадевон шаванд анҷуман.

Ҳама ранҷҳои ту бебар шавад,
Зи девон ҷаҳон пур зи лашкар шавад.

Ту акнун раҳи хонаи дев гир,
Ба ранҷ[2] андаровар тану теғу тир.

Магар*[3] ёр бошад-т Яздони пок,
Сари ҷодувон андарорӣ ба хок.

Гузар кард бояд абар чанд*[4] кӯҳ,
Зи девон ба ҳар ҷо гурӯҳогурӯҳ.

Яке ғор пеш оядат ҳавлнок,
Чунон чун шунидам, пур аз тарсу бок.

Гузораш[5] пур аз наррадевони ҷанг,
Ҳама размро сохта чун паланг.

Ба ғор-андарун гоҳи Деви Сапед,
К-аз ӯянд лашкар ба биму умед.

Тавонем агар кардан ӯро табоҳ,
Ки ӯяст солору пушти сипоҳ.[6]

---

1. ЛЗ – п. аз б. 573 ин б. омада:
   Бигирӣ зи пинҳон раҳи* дев тунд,
   Магар гардад он** тезчангол кунд.
   Магар боз равшан шавад ин ду чашм,
   Битарсам ҳаме з-он бади*** зиштхашм.
   * З – бори; ** З – аз, *** З – аз он деви бад.
2. Л – ҷанг.
3. М – Агар.
4. М – ҳам аз ҳафт.
5. Л – Гузорат.
6. И – пушту паноҳ.

www.sattor.com

Сипаҳро зи ғам чашмҳо тира шуд,
Маро дида аз[1] тирагӣ хира шуд.[2]

Пизишкон, ки диданд,[3] карданд умед
Ба хуни дилу мағзи Деви Сапед.

Чунин гуфт фарзона марди пизишк,
Ки чун хуни ӯро ба сони сиришк

Чаконӣ се қатра ба чашм-андарун,
Шавад тирагӣ пок бо хун бурун.[4]

Гави пилтан ҷангро соз кард,
В-аз он ҷойгаҳ рафтан оғоз кард.

Ба эрониён гуфт: «Бедор бед,
Ки ман кардам оҳанги Деви Сапед,

Ки ӯ пили ҷангиву чорагар аст,
Фаровон ба гирд-андараш лашкар аст.

Гар эдун, ки пушти ман орад ба хам,
Шумо дер монед хору дижам.

В-агар ёр бошад худованди ҳур,
Диҳад мар маро ахтари нек[5] зӯр,

Ҳама буму бар бозёбему тахт,
Ба бор ояд он хусравонӣ дарахт.[6]

---

1. ИЛМ – чашм дар.
2. Л – п. аз б. 584 ин б. омада:
   Марову туро бим аз ӯй асту бас,
   Чу ӯ кушта шуд, нест биме зи кас,
   Ки ӯ кард моро чунин бебаҳо,
   Бар он аст, к- эдар наёбам раҳо.
   Бибасту бихаст ин сипоҳи маро,
   Сияҳ кард хуршед моҳи маро.
3. Л – ба дармон-ш.
4. ТПЗ– Умедам ба бахшоиши кирдгор,
   К-аз он деви ҷангӣ барорӣ димор.
5. Л – саъд.
6. ТП – Бузургон бар ӯ хонданд офарин,
   Ки бе ту мабод аспу кӯполу зин.

www.sattor.com

ХОНИ ҲАФТУМ

КУШТАНИ РУСТАМ ДЕВИ САПЕДРО

Аз он ҷойгаҳ танг баста камар,
Биёмад пур аз кинаву ҷанг сар.

Або хештан бурд Авлодро,
Ҳаме ронд мар*[1] Рахши чун бодро.[2]

Чу Рахш андаромад бад-он Ҳафткӯҳ,
Бад-он наррадевон гурӯҳогурӯҳ[3]

Ба наздики он[4] ғори бебун расид,[5]
Ба гирд-андараш лашкари дев дид,

Ба Авлод гуфт: Он чи пурсидамат,
Ҳама бар раҳи ростӣ дидамат.[6]

Кунун чун гаҳи рафтан омад фароз,
Маро роҳ бинмову букшой роз.

Бад-ӯ гуфт Авлод, чун офтоб
Шавад гарм, дев андарояд ба хоб.

Бар эшон ту пирӯз бошӣ ба ҷанг,
Кунун як замон кард бояд диранг.

Зи девон набинӣ нишаста яке,
Магар[7] ҷодувон посбон андаке.

Бад-он гаҳ ту пирӯз бошӣ магар,
Агар ёр бошад-т пирӯзгар.

---

1. М – он.
2. ИЛ – б. 59 нест;
   ТПЗ– Наёсуд дар раҳ гави некхоҳ,
   Намоянда Авлод будаш ба роҳ.
3. Л – Бар он наррадевони гашта гурӯҳ.
4. Л – наздикии.
5. И – Биёмад, чу наздики ғораш расид.
6. ТПЗ - Яке кори сахт аст эдар маро,
   Сазад, гар бигӯй ту, некахтаро.
7. ИЛ – Ҷуз аз.

www.sattor.com

Накард эч Рустам ба рафтан шитоб,
Бад-он то баромад баланд офтоб.

Сару пои Авлод муҳкам[1] бубаст,
Ба хамми каманд он гаҳе барнишаст.

Бароҳехт ҷангинаҳанг аз ниём,
Биғуррид чун раъду баргуфт ном.

Миёни сипоҳ андаромад чу гард,
Саронро[2] ба ханҷар ҳаме дур кард.[3]

Наистода кас пеши ӯ-дар ба ҷанг,
Наҷустанд бо ӯ яке ному нанг.

В-аз он ҷойгаҳ сӯи Деви Сапед
Биёмад ба кирдори тобанда шед.

Ба монанди[4] дӯзах яке чоҳ дид,
Тани ҷоду*[5] аз тирагӣ[6] нопадид.

Замоне ҳаме буд дар Ганг теғ,[7]
Набуд ҷои пайкору[8] ҷои гуреғ.[9]

Чу мижгон бимолиду дида бишуст,
Дари[10] ғори торик чанде биҷуст.

Ба торикӣ-андар яке кӯҳ дид,
Саросар шуда ғор аз ӯ нопадид.

Ба ранги шаба рӯю чун шир мӯй,
Ҷаҳон пур зи болову паҳнои ӯй.

1. Л – бл тан.
2. Л – Сар аз тан.
3. ТПЗ– Ба нерӯи ӯ чун набуд тобашон,
Зи теғаш бимонданд дар бими ҷон.
4. ИЛ –Ба кордори.
5. М – Буни чоҳ.
6. Л – Саросар шуда ғор аз ӯ.
7. Л – ҷанги теғ.
8. И – дидору.
9. Л – Набуд ҷои дидору роҳи гурез.
10. ЛМ – Дар он.

www.sattor.com

Ба ғор - андарун дид рафта ба хоб,
Ба куштан накард эч Рустам шитоб.

Биғуррид, ғурридане чун паланг,
Чу бедор шуд, андаромад ба ҷанг.[1]

Сӯи Рустам омад чу кӯҳи сиёҳ,
Зи оҳан-ш соид, зи оҳан[2] кулоҳ.

Яке осиёсангро даррабуд,
Ба наздики Рустам даромад чу дуд.[3]

Аз ӯ шуд дили пилтан пурниҳеб,
Битарсид к-ояд ба тангӣ нишеб.

Барошуфт бар сони шери жиён,
Яке теғи тезаш бизад бар миён.

Ба нерӯй Рустам зи болои ӯй
Бияндохт як дасту як пои ӯй.

Бурида баровехт бо ӯ ба ҳам
Чу пили сарафрозу шери дижам.

Ба як по бикӯшид бо номвар,
Ҳама ғорро карда зеру забар.

Гирифт он бару ёли гурди далер,
Ки орад магар паҳлавонро ба зер.[4]

Ҳаме гӯшт[5] канд ин аз он, он аз ин,
Ҳаме гил шуд аз хун саросар замин.

Ба дил гуфт Рустам: Гар имрӯз ҷон
Бимонад ба ман, зиндаам ҷовидон.

1. Л – б 615-616 нест.
2. Л – Зи пӯлод соид в-аз оҳан.
3. ИЛ – б. 618 нест.
4. ИЛ – б. 623, 624 нест;
   ТПЗ– Даромад ба ӯ Рустами номдор,
   Гирифта бару ёли ӯ устувор.
5. Л – пӯст.

www.sattor.com

Ҳам эдун ба дил гуфт Деви Сапед,
Ки аз ҷони ширин шудам ноумед.

Гар эдун ки аз ҷанги ин аждаҳо
Бурида паю пӯст ёбам раҳо.

На меҳтар, на кеҳтар зи номоварон
Бубинанд рӯям ба Мозандарон.

Ҳаме гуфт аз ин гуна Деви Сапед,
Ҳаме дод дилро бад-он сон навид.

Бад-ин гуна бо якдигар размҷӯй,
Зи танҳо равон буд хаю хун ба ҷӯй.

Таҳамтан ба нерӯи ҷонофарин
Бикӯшид бисёр бо дарду кин.

Саранҷом аз он кинаву корзор,
Бипечид бар худ гави номдор.[1]

Бизад чангу[2] бардошташ наррашер,
Ба гардан[3] бароварду афканд зер.

Задаш бар замин ҳамчу шери жиён
Чунон к-аз тани вай бурун кард ҷон.

Фурӯ бурд ханҷар, дилаш бардарид,
Ҷигар-ш аз тани тира берун кашид.

Ҳама ғор яксар тани кушта буд,
Ҷаҳон ҳамчу дарёи хун гашта буд.[4]

---

1. ИЛ – б. 630 – 633 нест.
2. ИЛ – дасту.
3. Л – Ба гардун.
4. ТПЗ – Чу девон бididанд кирдори ӯй,
Ҳазимат гирифтанд аз кори ӯй.
Намонданд як тан дар он ҷойгоҳ,
Биёмад бурун Рустами кинахоҳ.
Кушод аз миён он каёнӣ камар,
Бурун кард хафтону ҷавшан зи бар.
Зи баҳри ниёиш сару тан бишуст,
Яке пок ҷои парастиш биҷуст,

www.sattor.com

Биёмад, зи Авлод букшод банд,
Ба фитрок баст он каёнӣ[1] каманд.

Ба Авлод дод он кашида ҷигар,
Сӯи шоҳ Ковус бинҳод сар.

Бад-ӯ гуфт Авлод, к-эй наррашер,
Ҷаҳонро ба теғ овaридӣ ба зер.[2]

Нишонҳои банди ту дорад танам,
Ба зери камандат ҳаме бишканам.

Ба чизе, ки додӣ диламро навид,
Ҳаме боз хоҳад навидам умед.

Ба паймон шикастан на андар(х)варӣ,
Ки шери жиёниву кайманзарӣ.

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки Мозандарон
Супорам ба ту аз карон то карон.

Аз он пас ниҳод аз бари хок сар,
Чунин гуфт, к-Эй довари додгар,
Зи ҳар бад туӣ бандагонро паноҳ,
Ту додӣ маро гурдиву дастгоҳ.
Тавоноиву мардиву фарру зӯр,
Ҳама комам аз гардиши моҳу ҳур.
Ту бахшидӣ, ар на зи худ хортар
Набинам ба гетӣ яке зортар.
Ғаму андуҳу ранҷу тимору дард,
Зи неку зи бад ҳарчӣ ояд ба мард,
Камиву фузунию некахтарӣ,
Баландию пастию кундоварӣ,
Зи доди ту бинам, ҳаме ҳар чӣ ҳаст,
Дигар кас надорад дар ин кор даст.
Зи доди ту ҳар зарра меҳре шавад,
Зи фаррат пашизе сипеҳре шавад.
Ситоиш чу кард он яли сарфароз,
Ба тан боз пӯшид ҳар гуна соз.

1. Л – барбаст тозон.
2. ТПЗ– Ба Мозандарон кас набошад дигар,
Ки пархош ҷӯяд зи ту номвар.
Ба ҳар кор бошӣ ту пирӯзбахт,
Сазовор ҳастӣ ту бар тоҷу тахт.
Сазад, гар бубинӣ яке кори ман,
Куҷо бо ту буд рост гуфтори ман.

www.sattor.com

Яке кор пеш асту ранҷе дароз,
Ки ҳам бо нишеб асту ҳам бо фароз.

Ҳаме шоҳи Мозандаронро зи гоҳ
Бибояд рабудан, фикандан ба чоҳ.

Сари деви ҷоду ҳазорон ҳазор
Бияфканд бояд ба ханҷар ба зор.

В-аз он пас магар хокро биспарам
В-агарна зи паймони ту нагзарам.[1]

Расид он гаҳе назди Ковуси кай
Гави паҳлавон, шери фархундапай.[2]

Ба шодӣ баромад зи гурдон фиғон,
Ки омад сипаҳдори равшанравон.

Ситоишкунонаш давиданд пеш,
Бар ӯ офарин буд з-андоза беш.[3]

Чунин гуфт, к- Эй шоҳи донишпазир,
Ба марги бадандеш ромиш пазир!

Даридам ҷигаргоҳи Деви Сапед,
Надорад бад-ӯ шоҳ аз ин пас умед.

Зи паҳлӯш берун кашидам ҷигар,
Чӣ фармон диҳад шоҳи пирӯзгар?

Бар ӯ офарин хонд Ковусшоҳ,
Ки бе ту мабодо кулоҳу сипоҳ.

---

1. ТПЗ– Туро з-ин сипас бениёзӣ диҳам,
Ба Мозандарон сарфарозӣ диҳам.
В-аз он сӯ ду чашми бузургон ба роҳ,
Ки кай боз гардад яли размхоҳ.
Ба пирӯзӣ аз разми он деви нар
Ба ханҷар зи ёлаш ҷудо карда сар.
2. Л – Ҷаҳонпаҳлавон – Рустами некпай.
3. ИЛ – б. 650, 651 нест.

www.sattor.com

Бар он мом, к-ӯ чун ту фарзанд зод,
Нашояд ҷуз аз[1] офарин кард ёд.

Ҳазор офарин бод бар Золи Зар,
Абар марзи Зобул саросар дигар,

Ки чун ту далере падид оварид,
Ҳамоно ки чун ту замона надид.[2]

Маро[3] бахт аз ин ҳар ду фаррухтар аст,
Ки пили ҳизабравжанам[4] кеҳтар аст.[5]

Чу аз офариниш бипардохт кай,
Чунин гуфт, к-эй гурди фархундапай,

Кунун хунаш овар ту дар чашми ман,
Ҳамон низ дар чашми ин анҷуман.

Магар боз бинем дидори ту,
Ки бодо ҷаҳонофарин ёри ту![6]

Ба чашмам чу андаркашиданд хун,
Шуд он дидаи тира хуршедгун.[7]

Ниҳоданд зер-андараш тахти оҷ,
Баровехтанд[8] аз бари оҷ тоҷ.

---

1. И – ба ҷуз.
2. ИЛ – б. 657, 658 нест.
3. Л – Киро.
4. ИЛ – ҳизабрафканам.
5. И-б. б. 659 ин б. омада:
   Таҳамтан дили дев пеш оварид,
   Аз ӯ хун ба чашми шаҳ андаркашид.
6. ИЛ – б. 660-662 нест.
7. Л – Шуд он тирагӣ пок бо хун бурун;
   ТПЗ– Ҳам андар замон Рустами пурҳунар
   Кашид андар эшон зи хуни ҷигар.
   Ҳама дидаҳошон бишуд равшано,
   Ҷаҳоне бишуд сар ба сар гулшано.
8. ИЛ – Биёвехтанд.

www.sattor.com

Нишаст аз бари тахти Мозандарон
Або Рустаму номвар[1] меҳтарон.

Чу Тусу Фарибурзу Гударзу Гев,
Чу Руҳҳому Гургину Баҳроми нев.

Бар ин гуна як ҳафта бо руду май
Ҳаме ромиш орост Ковуси кай.

Ба ҳаштум нишастанд бар зин ҳама,
Ҷаҳонҷӯю гарданкашону рама.

Ҳама баркашиданд гурзи гарон
Пароканда дар[2] шаҳри Мозандарон.

Бирафтанд яксар ба фармони кай
Чу оташ, ки бархезад аз хушкнай.

Зи шамшери тез оташ афрӯхтанд,
Ҳама шаҳр яксар ҳаме сӯхтанд.

Бикуштанд чандон аз он ҷодувон,
Ки аз хун ҳаме рафт ҷӯе равон.

Бад-он гаҳ ки тира шаб омад ба танг,
Гавон орамиданд яксар зи ҷанг.[3]

Ба лашкар чунин гуфт Ковусшоҳ,
Ки акнун мукофот карда гуноҳ,

Чунон чун сазо буд, бад-эшон расид,
Зи куштан кунун сар бибояд кашид.[4]

Бибояд яке марди боҳушу санг,
Куҷо боз донад шитоб аз диранг.

1. И – номвар Рустаму.
2. Л – бар.
3. ИЛ – б. 672, 673 нест.
4. ТПЗ – Ба Рустам чунин гуфт Ковуси кай,
Ки, эй гурди фарзонаи некпай.

www.sattor.com

Шавад назди солори Мозандарон,
Кунад дил-ш бедору мағзаш гарон.

Бад-он кор хушнуд шуд пури Зол,
Бузургон*[1] ки буданд бо ӯ ҳамол.

Фиристодани нома наздики ӯй,
Барафрӯхтан ҷони торики ӯй.

НОМА НАВИШТАНИ КОВУС НАЗДИКИ ШОҲИ МОЗАНДАРОН

Яке номае бар ҳарири сапед,
Бад-он - андарун чанд биму умед.[2]

Дабири хирадманд бинвишт хуб,
Падид оварид андар он зишту хуб.

Нахуст офарин кард бар додгар,
К-аз ӯ гашт[3] пайдо ба гетӣ ҳунар.

Хирад доду гардонсипеҳр офарид,
Дуруштиву тундиву меҳр офарид.

Ба неку ба бад додамон дастгоҳ
Худованди гарданда хуршеду[4] моҳ.[5]

Агар додгар бошиву покдин,
Зи ҳар кас наёбӣ ҷуз аз офарин.

---

1. М – Ва гурдон.
2. ТПЗ - Дигар рӯз, к-ин гунбади тезгард
 Бигустард бар чарх дебои зард.
 Мувофиқи қайди Т, З ин б. пеш аз б. 680 омада, ки ба мақсад наздиктар менамояд.
3. Л - дид.
4. Л - гардандаи меҳру.
5. ТПЗ– Дигар гуфт, к-ин номаи б-офарин
 Зи Ковуси кай - шоҳи Эронзамин
 Ба назди сипаҳдори Мозандарон,
 Ки бо деви ҷоду бувад ҳамзабон.
 Бидон, эй гирифтори банди ғурур,
 Ки ин аст расми сарои сурур.

www.sattor.com

В-агар бадниҳон бошиву бадкуниш,
Зи чархи баланд оядат сарзаниш.

Ҷаҳондор агар додгар бошадӣ,
Зи фармони ӯ кай гузар бошадӣ.

Сазои гунаҳ бин, ки Яздон чӣ кард,
Зи деву зи ҷоду баровард гард.

Кунун гар шудӣ огаҳ аз рӯзгор,
Равону хирад будат омӯзгор,

Ҳамон ҷо бимон тахти[1] Мозандарон,
Бад-ин боргоҳ ой чун кеҳтарон.

Чу бо ҷанги Рустам надорӣ ту тов,
Бидеҳ зуд бар коми мо божу сов.[2]

Агар гоҳи Мозандарон боядат,
Магар з-ин нишон роҳ бикшоядат.

В-агар на чу Аржангу Деви Сапед
Дилат кард бояд зи ҷон ноумед.[3]

Чу нома ба сар бурд фаррух дабир,
Ниҳод аз бараш мӯҳри мушку абир.[4]

Бихонд он замон шоҳ Фарҳодро,
Гирояндаи гурзи пӯлодро.

Гузини бузургони он шаҳр буд,
Зи бекориву ранҷ бебаҳр буд.

Бад-ӯ гуфт ин номаи пандманд
Бубар назди он деви ҷаста зи банд.

Чу аз шоҳ бишнид Фарҳоди гурд,
Заминро бибӯсиду нома бибурд

1. ИЛ – тоҷи.
2. И – Бидеҳ бож ночору бигзор сов.
3. ТПЗ– Надонӣ чу Рустам кунад рои ҷанг,
Зи теғаш ба дарё бисӯзад наҳанг.
4. ИЛ – б. 694 нест.

www.sattor.com

Ба шаҳре, куҷо нармпоён[1] буданд,
Саворони пӯлодхоён[2] буданд.

Касеро, ки бинӣ ту пой[3] аз дувол,
Лақабшон чунин буд бисёр сол.

Бад-он шаҳр буд шоҳи Мозандарон,
Ҳамон ҷо далерону кундоварон.

Якеро фиристод Фарҳод пеш,
В-аро кард огаҳ зи кирдори хеш.[4]

Чу бишнид, к-аз назди Ковусшоҳ
Фиристодаи боҳуш омад зи роҳ.

Пазира шуданро сипоҳе гарон,
Далерону шерони Мозандарон.

Зи лашкар якояк ҳама[5] баргузид,
Аз эшон ҳунар хост, к-ояд падид.

Чунин гуфт, к-имрӯз мардонагӣ
Ҷудо кард бояд зи девонагӣ.[6]

Ҳама роҳу расми паланг оваред,
Сари хушмандон ба чанг оваред.[7]

Пазира шудандаш пур аз чин бурӯй,
Суханҳо нарафт эч бар орзуй.

Чу рафтанд наздики Фарҳоди гурд,
Аз он номдорони бодастбурд.[8]

---

1. Л – суступоён.
2. Л – Далерону ханҷаргузорон.
3. Л – Касоне, ки буданд по.
4. ИЛ – б. 702 нест.
5. Л – тане чандро.
6. Л– Ҳар он кас, ки нерӯ варо ёр шуд,
Дили ӯ ба пирӣ гирифтор шуд.
7. ТПЗ– Чунон чун фиристода пажмон шавад,
Зи дидоратон сахт тарсон шавад.
8. ИЛ – б.709 нест.

www.sattor.com

Яке даст бигрифту бифшордаш,
Паю устухонҳо биёзордаш.

Нагашт эч Фарҳодро рӯй зард,
Наёмад бар ӯ рангу банде зи[1] дард.

Бибурданд Фарҳодро пеши[2] шоҳ,
Зи Ковус пурсиду аз[3] ранҷи роҳ.

Пас он нома бинҳод пеши дабир,
Маю мушк буд бехта[4] бар ҳарир.

Мар он нома бархонд мӯбад бад-ӯй,
Бупечид аз он нома пархошҷӯй.[5]

Чу огаҳ шуд аз Рустаму кори дев,
Пур аз хун шудаш чашму дил пурғирев.

Ба дил гуфт, пинҳон шавад офтоб,
Шаб ояд, бувад гоҳи орому хоб.

Зи Рустам нахоҳад ҷаҳон орамид,
Нахоҳад шудан номи ӯ нопадид.

Ғамин[6] шуд зи Аржангу Деви Сапед,
Ки шуд кушта Пӯлоди Ғандиву Бед.

Чу он номаи шоҳ яксар бихонд,
Ду дида ба хуни дил-андар нишонд.[7]

Се рӯзаш ҳамедошт меҳмони хеш
Бари номдорону ёрони хеш.

Ба рӯзи чаҳорум бад-ӯ гуфт: «Рав
Ба наздики он бехирад шоҳи нав.[8]

---

1. Л – ранҷи бедоду.
2. ИЛ – назди.
3. Л – кораш бипурсид в-аз.
4. Л - бофта; И - андохта.
5. ИЛ – б. 714 нест.
6. ИЛ – Ғамӣ.
7. Л – фишонд.
8. ИЛ – дод.

www.sattor.com

Чунин гӯй[1] посух ба Ковуси кай,
Ки дар ҷом тира-ст бе об*[2] май.[3]

Ман онам, ки гӯӣ бару буму гоҳ
Раҳо кун, биё сӯи ин боргоҳ?[4]

Маро боргаҳ з-они ту[5] бартар аст,
Ҳазорон ҳазорам фузун лашкар аст.

Ба ҳар ҷо ки дар ҷанг бинҳанд рӯй,
Намонанд сангу на рангу на бӯй.[6]

Биёрой кору маёсой ҳеч,
Ки ман размро кард хоҳам басеч.[7]

Биёрам[8] яке лашкаре шерфаш,
Барорам шуморо сар аз хоби х(в)аш.[9]

Зи пилони ҷангӣ ҳазору дувист,
Ки дар боргоҳи ту як пил нест.

Зи Эрон барорам яке тира хок,
Баландӣ надонанд боз аз мағок».

---

1. ИЛ – б. 720, 721 нст.
2. М – Ки кай оби дарё бувад ҳамчу.
3. ТПЗ – Ту дар кор тундӣ, надонӣ, ки ман
   Баровардаам сар зи ҳар анҷуман.
4. ИЛ – б. 723 нест.
5. ИЛ – подшоҳӣ аз ӯ.
6. Л – Намонад гилу сангро рангу;
   ТПЗ– Чу Санҷа саворам дусад низ ҳаст,
   Ки дар ҷанг гиранд шаҳро ба даст.
   Агар ман кунам рои овардгоҳ,
   Надонӣ ту худ боз моҳӣ зи моҳ.
   Ҳамоно туро зиндагонӣ намонд,
   Замонат зи Эрон бар ин марз ронд.
7. ИЛ – б. 726 нест.
8. Л – Барат.
9. Л – б. б. 727 ин б. омада;
   Маро ҳамчу Деви Сапеду чу Бед,
   Бувад сад ҳазорон сиёҳу сапед.
   Чу Санҷа саворам дусад дев ҳаст,
   Ки дар ҷанг гиранд маҳро ба даст.

www.sattor.com

Чу бишнид Фарҳод аз ӯ доварӣ,
Баландиву тундиву кундоварӣ.

Бикӯшид, то посухи нома ёфт,
Инон сӯи солори Эрон битофт.[1]

Биёмад, бигуфт, он чи диду шунид,
Ҳама пардаи розҳо бардарид.

Чунин гуфт, к-ӯ з-осмон бартар аст,
На рои баландаш ба зер-андар аст.

Зи гуфтори ман сар бупечид низ,
Ҷаҳон пеши чашмаш наярзад ба чиз.

Ҷаҳондор мар паҳлавонро бихонд,
Ҳама гуфти Фарҳод бо ӯ биронд.[2]

Чунин гуфт Ковусро Пилтан,
К-аз ин нанг бугзорам ин анҷуман.[3]

Маро бурд бояд сӯи ӯ паём,
Ки ман баркашам теғи тез аз ниём.

Яке нома бояд чу бурранда теғ,
Паёме ба кирдори ғурранда меғ.

Шавам чун фиристодае назди ӯй,
Ба гуфтор хун андарорам ба ҷӯй.

Ба посух чунин гуфт Ковусшоҳ,
Ки аз ту фурӯзад нигину кулоҳ.

---

1. ИЛ – шитофт.
2. И – б. 733-735 нест; Л – б. 735 нест;
   ТПЗ– Бипечид аз ин гуфта Рустам чунон,
   Ки ҳар мӯй бар тан шудаш чун синон.
3. Л – б. 736 ин б. омада:
   Чу бишнид Рустам, барошуфт аз ӯй,
   Ба Фарҳод бинҳод аз хашм рӯй.
   Куҷо шуд дилу мардиву рои ту,
   Бимондӣ чунин суст бар пой ту.
   Чӣ бошанд девони Мозандарон,
   Ки тарсанда гаштӣ чунин саргарон?

www.sattor.com

Паямбар туӣ, ҳам ту бабри[1] далер,
Ба ҳар кинагаҳ чун сарафроз шер.

Бифармуд, то рафт пешаш дабир,
Сари хомаро кард пайкони тир.[2]

Чунин гуфт, к-ин гуфтани нобакор
На хуб ояд аз мардуми ҳушёр.

Агар сар кунӣ з-ин фузунӣ тиҳӣ,
Ба фармон гар оӣ ба сони раҳӣ,[3]

В-гарна ба ҷанги ту лашкар кашам,
Зи дарё ба дарё сипаҳ баркашам.[4]

Равони бадандеш Деви Сапед
Диҳад каргасонро ба мағзат навид.

ОМАДАНИ РУСТАМ НАЗДИКИ ШОҲИ МОЗАНДАРОН БА ПАЙҒАМБАРӢ

Чу нома ба мӯҳр андаровард шоҳ,
Ҷаҳонҷӯй Рустам бипаймуд роҳ.

---

1. ИЛ – пили.
2. ТПЗ– Пас аз офарини ҷаҳонофарин
Чунин гуфт, к- Эй гашта аз роҳи дин.
3. ТПЗ– Насозӣ ҳаме кишвари худ хароб,
Супорӣ ба ман боҷ бе кину тоб.
Бимонӣ ба Мозандарон шодмон,
Зи Рустам биёбӣ раҳоӣ ба ҷон.
4. ТПЗ – Зи хун ҷӯй ронам ба Мозандарон,
Ба хок андарорам сари сарварон.
Ва дигар чӣ ҳоҷат маро бо кас аст,
К-аз ин разм Рустам шуморо бас аст.
Чу оҳанги майдон кунад дар набард,
Сари наррадевон дарорад ба гард.
Ба мардии ӯ дар ҷаҳон мард нест,
Ба гетӣ кас ӯро ҳамовард нест.
Чу ояд ба майдон яли кинасоз,
Надонанд дигар нишеб аз фароз,
Ки ӯ паҳлавонест дар рӯзи ҷанг,
Бидаррад дили шеру чарми паланг.

www.sattor.com

Ба зин - андар афканд[1] гурзи гарон,
Чу омад ба наздики Мозандарон,

Ба шоҳ огаҳӣ шуд, ки Ковуси кай[2]
Фиристодаву нома афканд пай.[3]

Фиристодае чун ҳизабри дижам,
Каманде ба фитрок,бар шаст хам.

Ба зер-андараш*[4] бораи гомзан,
Яке жандапил аст гӯӣ ба тан.[5]

Чу бишнид солори Мозандарон,
Зи лашкар[6] гузин кард чанде сарон.

Бифармудашон, то чабира[7] шуданд,
Ҳизабри жиёнро пазира[8] шуданд.

Биёроста лашкаре чун баҳор,
Бирафтанд наздики он номдор.

Чу чашми Таҳамтан бад-эшон расид,
Ба раҳ-бар дарахте гашаншох[9] дид.

Гирифташ ҳамон гаҳ ду шохи дарахт,
Ба тундӣ мар онро бупечид сахт.

Дарахт аз буну бех барканд зуд,
Ки ӯро ба тан-бар зиёне набуд.[10]

---

1. И – андаровард.
2. Л – Ковусшоҳ.
3. Л – роҳ.
4. М – андарун.
5. ТПЗ– Чу кӯҳи равон аст он номдор,
   Ту гуфтӣ, ки шер аст гоҳи шикор.
6. Л – девон.
7. Л – пазира.
8. Л – ба расми каёну табиат.
9. Л – кӯҳансол.
10. ИЛ – 757 нест.

www.sattor.com

Биканду чу жӯпин ба каф баргирифт,*[1]
Бимонданд лашкар ҳама[2] дар шигифт.

Бияндохт, чун назди эшон расид,
Саворон басе зери шох оварид.

Касе аз бузургони Мозандарон
Куҷо ӯ будӣ пешрав бар сарон.[3]

Яке даст бигрифту бифшордаш,
Ҳаме озмунро биёзордаш.

Бихандид аз ӯ Рустами пилтан,
Шуда хира з-ӯ чашми он анҷуман.

Бад- он ханда- андар[4] бияфшурд чанг,
Бибурдаш раг[5] аз дасту аз[6] рӯй ранг.

Бишуд зӯр[7] аз он марди зӯрозмой,
Зи болои асп андаромад ба пой.[8]

Яке шуд бари шоҳи Мозандарон,
Бигуфт, он чи дид аз карон то карон.

Саворе, ки номаш Калоҳур буд,
Ки Мозандарон з-ӯ пур аз шӯр буд.

Ба сони паланги жиён буд ба хӯй,
Накардӣ ҷуз аз ҷанг ҳеч орзуй,

Пазира шуданро бари хеш хонд,
Ба мардиш бар чархи гардон нишонд.

---

1. М – даргирифт.
2. ИЛ – з-ӯ.
3. ИЛ-б. 760 нест.
4. Л – хира эдар.
5. Л – пай; И – дид.
6. И – в-аз.
7. ЛМ – хуш.
8. Л – бб б. 764 ин б. омада:

Чу лашкар бидиданд кирдори ӯй,
Ба хира бимонданд дар кори ӯй.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт: Пеши фиристода рав,
Ҳунарҳо падидор кун нав ба нав.

Чунон кун, ки гардад рухаш пур зи шарм,
Зи чашм андарорад ба рух оби гарм.

Биёмад Калоҳур чун наррашер
Ба пеши ҷаҳонҷӯй[1] марди[2] далер.

Бипурсид пурсиданӣ чун паланг,
Дижамрӯю он гаҳ бад-ӯ дод чанг.

Бияфшурд чанги сарафроз пил,
Шуд аз дард чангаш ба кирдори нил.

Бупечиду андеша з-ӯ дур дошт,
Ба мардӣ зи хуршед маншур дошт.

Бияфшурд чанги Калоҳур сахт,
Фурӯ рехт нохун чу барг аз дарахт.

Калоҳур бо дасти овехта,
Паю пусту нохун фурӯ рехта,

Биёварду бинмуду бо шоҳ гуфт,
Ки бар хештан дард натвон нуҳуфт.

Туро оштӣ беҳтар*[3] ояд зи ҷанг,
Фарохӣ макун бар дили[4] хеш танг.

Туро бо чунин паҳлавон тов нест,
Агар ром гардад, беҳ аз сов нест.

Пазирем бар шаҳри Мозандарон,
Бубахшем бар кеҳтару меҳтарон.

1. И – ҷахондор.
2. Л – ҷаҳонпаҳлавони.
3. М – бартар.
4. Л – тани.

www.sattor.com

Чунин ранҷи душвор осон кунем,
Беҳ ояд, ки ҷонро ҳаросон кунем.[1]

Таҳамтан биёмад ҳам андар замон
Бари шоҳ бар сони пили дамон.

Нигаҳ карду биншонд андарх(в)араш,
Зи Ковус пурсиду аз лашкараш.

Сухан ронд аз ранҷи роҳи дароз,
Ки чун ронд андар[2] нишебу фароз.

785 В-аз он пас бад-ӯ гуфт,–Рустам тувӣ,
Ки дорӣ бару бозуи паҳлавӣ?[3]

Чунин дод посух, ки ман чокарам,
Агар чокариро худ андарх(в)арам.

Куҷо ӯ бувад, ман наёям ба кор,
Ки ӯ паҳлавон асту гурду савор.[4]

---

1. ТПЗ– Ғамин гашт бадгавҳари нобакор
Зи гуфти Калоҳури баргаштакор.
2. ИЛ – рондӣ дар.
3. ТПЗ– Сапедев аз ту ҳалок омадаст?
Зи ту мар маро сар ба хок омадаст?
4. ТПЗ– Ҷаҳонофарин то ҷаҳон офарид,
Чу Рустам сарафроз н-омад падид.
Яке кӯҳ бошад ба разм- андарун,
Аз он Рахшу гурзаш чӣ гӯям, ки чун.
Чу ӯ разм созад, чӣ пояд гурӯҳ?
Кунад кӯҳ дарёву дарё чу кӯҳ.
Ба размаш чи пилу чи шеру чи дев,
Чу оvard гирад, барорад ғирев.
Ба танҳо яке номвар лашкар аст,
Паёмовариро на андарх(в)ар аст.
Валекин маро ӯ фиристодааст,
Бигӯям паёме, ки ӯ додааст,
Ҳаме гӯядат Рустами номдор,
Ки гар оқилӣ, тухми зиштӣ макор!
Ту бисёр тухми бадӣ коштӣ,
Раҳи мардумӣ хор бигзоштӣ.
Чӣ кардӣ ту бо шоҳи Эронзамин,
Або лашкару паҳлавонон зи кин?
Магар гӯшат аз номи Рустам тиҳист,
Ки чархи фалак камтаринаш раҳист?

www.sattor.com

Бад-ӯ дод пас номвар номаро,
Паёми ҷаҳонҷӯи худкомаро.

Бигуфт, он ки шамшер бор оварад,
Сари саркашон дар канор оварад.

Чу пайғом бишниду нома бихонд,
Дижам гашту андар[1] шигифтӣ бимонд.

Ба Рустам чунин гуфт, к-ин ҷустуҷӯй
Чӣ бояд ҳаме хира в-ин гуфтугӯй?

Бигӯяш, ки солори Эрон туӣ,
Агарчи дилу чанги шерон туӣ.

Манам шоҳи Мозандарон бо сипоҳ,
Бар авранги заррину бар сар кулоҳ.[2]

Маро беҳуда хондан пеши хеш
На расми каён бошаду роҳи кеш.

Барандешу тахти бузургон маҷӯй,
К-аз ин ҷустанат хорӣ ояд[3] ба рӯй.

Сӯи шаҳри[4] Эрон бигардон инон,
В-агарна замонат сар орад синон.

Агар бо сипаҳ ман биҷунбам зи ҷой,
Ту пайдо набинӣ[5] саратро зи пой.

Ту афтодаӣ бегумон дар гумон,
Яке рой пеш ору бифкан камон.

Агар рухсати шоҳ будӣ, ки ман
Биёям ба наздики ин анҷуман,
Намемондаме зинда аз лашкарат,
Ҳаме бар сари найза будӣ сарат.

1. Л – дар вай.
2. ИЛ – зарринкулоҳ.
3. И – Кунун бештар хорӣ орӣ.
4. Л – огоҳӣ.
5. Л – Ту нашносӣ он гаҳ.

www.sattor.com

Чу ман танг рӯй андарорам ба рӯй,
Сарояд туро тезиву[1] гуфтугӯй.[2]

Нигаҳ кард Рустам ба равшанравон
Ба гоҳу[3] сипоҳу дари[4] паҳлавон.

Наёмад –ш бо мағз гуфтори ӯй,
Сараш тезтар шуд ба озори[5] ӯй.[6]

---

1. Л – яксар ин.
2. ТПЗ– Зи ман низ бар пеши Рустам паём
Бигӯяш, ки, эй паҳлави некном,
Чӣ чизат зи Ковуси кай мерасад,
Агар з-ӯ бувад як, зи ман сад расад.
Миёни ялон сарфарозат кунам,
Зи симу дирам бениёзат кунам.
Сарат бугзаронам зи хуршеду моҳ,
Туро сарфарозӣ диҳам бар сипоҳ,
3. Л – шоҳу.
4. Л – раду.
5. Л – зи блзори.
6. ТПЗ– Чунин гуфт, к-Эй бехирад шаҳрёр,
Ҳамоно, ки шуд тираат рӯзгор,
Магар паҳлавон Рустами сарфароз
Ба ганҷу сипоҳи ту дорад ниёз?
Шаҳи Нимрӯз аст фарзанди Зол,
Касеро ба гетӣ надорад ҳамол.
Аз ин боб дигар маҷунбон забон,
Ки орад забонат бурун аз даҳон.
Бишуд тофта шоҳ аз ин гуфтугӯй,
Ба хунрези бадгавҳар овард рӯй.
Бигир ин фиристодаро пеши ман,
Зи тахташ фуруд ору гардан бизан!
Бишуд тез дижхим то пойтахт,
Ки гирад сари дасти он некбахт,
Фуруд орад ӯро аз ин ҷо ба зер,
Ки Рустам биғуррид чун наррашер.
Сари даст бигрифту пешаш кашид,
Аз он ҷойгаҳ пеши хешаш кашид.
Дарандохт, бигрифт мар пои ӯй,
Ҳамон пои худ бар дигар пои ӯй
Ниҳоду зи якдигараш бардарид,
Касе дар ҷаҳон ин шигифтӣ надид.
Ба овоз гуфта пас он номдор.
Ки гар рухсатам будӣ аз шаҳрёр,
Ки бо лашкарат кардаме корзор,
Туро кардаме ин замон хору зор.

www.sattor.com

Яке хилъате сохташ шоҳвор,
Биёвард наздики Рустам савор.

Напазруфт з-ӯ ҷомаву аспу зар,
Ки нанг омадаш з-он кулоҳу камар.[1]

Биёмад дижам аз бари гоҳи ӯй,
Ҳама тира дид ахтару моҳи ӯй.[2]

Бурун омад аз шаҳри Мозандарон,
Сараш гашта буд з-он суханҳо гарон.[3]

Чу омад ба наздики шоҳ-андарун
Дили кинадораш пур аз ҷӯши хун,

Зи Мозандарон ҳар чи диду шунид,
Ҳама кард бар шоҳи Эрон падид.

В-аз он пас варо гуфт: Мандеш ҳеч,
Далерӣ куну разми девон басеч!

Далерону гурдони он анҷуман
Чунон дон, ки хоранд бар чашми ман,

Ки наздам наярзанд як зарра хок,
Бад-ин гурз аз эшон барорам ҳалок.[4]

Бигуфт ину аз боргаҳ шуд бурун,
Ду чашмаш ба монанди ду тоси хун.
Биларзид бар хештан шаҳрёр
Зи дасту забони яли номдор.

1. Л – б. б. 803 б. омада:
Бурун омад аз пеши ӯ хашмнок,
Дили пур зи кина, на тарсу на бок.
Рух аз пеши он шоҳи девон нигошт,
Ба мардӣ ба танҳои он раҳ гузошт.
2. Л – б. б. 805 ин б. омада:
Ва-аз он ҷо биёмад чу боди дамон
Сӯи шоҳ Ковусу дил бадгумон.
3. Л – б. 805 нест.
4. ИЛ – б. 810 нест;
ТПЗ– Бубинӣ, ки коми ту гардад раво,
Ки ман донам ин дарди дилро даво.

www.sattor.com

ҶАНГИ КОВУС БО ШОҲИ МОЗАНДАРОН

Чу Рустам зи Мозандарон гашт боз,
Шаҳи ҷодувон размро кард соз.

Саропарда аз шаҳр берун кашид,
Сипаҳро ҳама сӯи ҳомун кашид.

Чу гарди сипоҳ аз миён бардамид,
Ҳамон ранги хуршед шуд нопадид[1].

На ҳомун падиду на дашту на кӯҳ,
Замин гашт аз пои пилон сутӯҳ.[2]

Ҳаме ронд лашкар чу боди[3] дамон,
Наҷуст эч ҳангоми рафтан замон.

Чу огоҳӣ омад ба Ковусшоҳ,
Ки танг андаромад зи девон сипоҳ.

Бифармуд, то Рустами Золи Зар
Бубандад нахустин ба он кин камар.

Ба Тусу ба Гударзи[4] Кашводагон,
Ба Геву Ба Гургини[5] озодагон

Бифармуд, то лашкар оростанд,
Синону сипарҳо[6] бипеностанд.

Саропардаи шаҳрёру сарон[7]
Кашиданд бар дашти Мозандарон.

Сӯи маймана Туси Нӯзар ба пой,
Дили кӯҳ пурнолаи каррной.

---

1. ИЛ– Сипоҳе, ки хуршед шуд нопадид,
   Чу гарди сипоҳ аз миён бардамид.
2. ТПЗ– Ҷаҳон сар ба сар з-ӯ шуда тирагун,
   Зи гарди сипаҳ осмон қиргун.
3. ЛМ – аз он сон.
4. Л – Гударзи
5. ИЛ – Гургину.
6. Л – табира.
7. И – шаҳриёри ҷаҳон.

www.sattor.com

Чу Гударзу Кашвод бар майсара,
Шуда кӯҳи[1] оҳан ҳама яксара.

Сипаҳдор Ковус дар қалбгоҳ
Зи ҳар сӯ рада баркашида сипоҳ.

Ба пеши сипоҳ-андарун пилтан,
Ки дар ҷанг ҳаргиз надидӣ шикан.[2]

Яке номдоре зи Мозандарон,
Ба гардан бароварда гурзи гарон.

Ки Ҷӯё будаш ному ҷӯянда буд,
Гирояндаи гурзу гӯянда буд.

Ба дастурии шоҳ Ҷӯё бирафт
Ба пеши сипаҳдор Ковус тафт.

Ҳаме ҷавшан андар танаш барфурӯхт,
Ҳаме таффи[3] теғаш заминро бисӯхт.

Биёмад, бар ирониён баргузашт,
Битӯфид аз овози ӯ кӯҳу дашт.

Ҳаме гуфт бо ман кӣ ҷӯяд набард?
Касе к-ӯ барангезад аз об гард?[4]

Нашуд ҳеч кас пеши Ҷӯё бурун,
На рагшон биҷунбид гӯӣ, на хун.

---

1. И – кӯҳу.
2. ТПЗ– Чу аз ҳарду сӯ лашкар оростанд,
Ялон кина аз якдигар хостанд.
3. Л – оби.
4. ТПЗ – Ҳаме гашт ғуррон миёни ду саф,
Хурӯшону бар лаб бароварда каф,
Нарафт аз далерон касе пеши ӯй,
Ҳаме буд бар ҷой пархошҷӯй.
Ба ирониён гуфт Ковусшоҳ,
Ки сартон наёбад сӯи ҷанг роҳ.*

* ИЛ – б. охирин омада; сӯи шарм роҳ.

www.sattor.com

Ба овоз гуфт он замон шаҳрёр,
Чӣ буд, эй далерону мардони кор,[1]

К-аз ин дев дилтон[2] чунин хира шуд,
Аз овози ӯ рӯятон тира шуд?

Надоданд посух далерон[3] ба шоҳ,
Зи Ҷӯё бипажмурд, гуфтӣ[4], сипоҳ.

Яке[5] баргироид Рустам инон,
Ба гардан баровард рахшон синон,

Ки дастур бошад маро[6] шаҳрёр
Шудан пеши ин деви[7] носозгор.

Чунин гуфт Ковус, к-ин кори туст,
Аз Эрон нахоҳад кас ин разм ҷуст.

Бирав, к-офаринанда ёри ту бод,
Ҳама деву ҷоду шикори ту бод.[8]

Барангехт Рахши диловар зи ҷой,
Ба ҷанг-андарун найзаи саргирой.

Ба овардгаҳ рафт чун пили маст,
Паланге ба[9] зер, аждаҳое ба даст.

Инонро бупечиду бархост гард,
Зи бонгаш[10] биларзид дашти набард.

---

1. Л – б. 831, 832 нест.
2. Л – деватон сар.
3. Л – аз Эрон; И – зи Эрон.
4. Л – бипажмурда гӯӣ.
5. И – ба кин.
6. И – дастуриям бошад аз.
7. Л – марди.
8. ТПЗ– Чу бишнид Рустам зи шоҳи замон,
   Ҳамон гаҳ дамон шуд чу шери жиён.
   ИЛ –б. 838 нест.
9. ИЛ –Яке бора.
10. Л – гурзаш.

www.sattor.com

Ба Ҷӯё чунин гуфт, к-эй баднишон,
Бияфканда номат зи гарданкашон.

Кунун бар ту-бар ҷои бахшоиш аст,
На ҳангоми орому осоиш аст.

Бигиряд туро, он ки зоянда буд,
Физоянда буд, ар газоянда буд.

Бад-ӯ гуфт Ҷӯё, ки эмин машав
Зи Ҷӯёву аз ханҷари сардарав,

Ки акнун бидаррад ҷигар модарат,
Бигиряд бад-ин ҷавшану миғфарат.

Чу Рустам шунид ин суханҳо тамом,
Баровард як наъраву гуфт ном.

Зи ҷой андаромад чу кӯҳи равон,
Ҳамоварди ӯ гашт тираравон.

Инон баргироиду баргошт рӯй,
Набуд ҷанги Рустам варо орзуй.[1]

Паси пушти ӯ андаромад чу гард,
Синон бар камарбанди ӯ рост кард.

Бизад найза бар банди диръу зиреҳ,
Зиреҳро намонд эч банду гиреҳ.[2]

Зи зинаш ҷудо карду бардошташ,
Чу бар бобзан мурғ баргошташ.

Бияндохт аз пушти аспаш ба хок,
Даҳан пур зи хоку зиреҳ чок-чок.

Далерону гурдони Мозандарон
Ба хира фурӯ монданд андар он.

---

1. ИЛ – б. 848, 849 нест;
ТПЗ– Гурезон шуд аз номдори далер,
Таҳамтан биғуррид монанди шер.
2. ТПЗИ– Чунон зад абар гирдгоҳаш синон,
Ки дигар ба дида надидаш ҷаҳон.

www.sattor.com

Сипаҳ шуд шикастадилу зардрӯй,[1]
Баромад зи овардгаҳ гуфтугӯй.[2]

Бифармуд солори Мозандарон
Ба яксар сипоҳ аз карон то карон,

Ки сар барфарозеду ҷанг оваред,
Ҳама расму роҳи паланг оваред.[3]

Ҳама яксара теғи кин охтанд,
Ба ҳамдигарон андарандохтанд.[4]

Баромад зи ҳарду сипаҳ бӯқу кӯс,
Ҳаво нилгун шуд, замин обнӯс.

Чу барқи дурахшанда аз тирамеғ
Ҳаме оташ афрӯхт аз гурзу теғ,

Ҳаво гашт сурху сиёҳу бунафш
Зи бас найзаву[5] гуна-гуна дурафш.[6]

Зи овози девону аз тира гард,
Зи ғурридани кӯсу аспи набард

Шикофид кӯҳу замин бардарид,
Бад-он гуна пайкори кин кас надид.

Чакочоки гурз омаду теғу тир,
Зи хуни ялон дашт гашт обгир.[7]

---

1. Л – рӯйзард.
2. Л – Ту гуфтӣ ба ҷоншон ҳаме захм х(в)ард.
3. ТПЗ– Шуниданд гурдон ҳама сар ба сар
Мар он гуфтаи шоҳи пархошхар.
Ба кина аз он лашкари бешумор,
Фаровон биёмад сӯи корзор.
Сипаҳдори Эрон чу з-он гуна дид,
Зи ҷо андаромад, чунон чун сазид.
4. И-б. 856 – 859 нест; Л – б. 857 –359 нест.
5. И – замин тираву.
6. ТПЗ– Пур овози раъд аст гуфтӣ ҷаҳон,
Ва ё рӯз дар тирашаб шуд ниҳон.
7. ИЛ – б. 862-863 нест;
ТП – Ҷаҳон яксара ҳамчу дарё намуд,
Наҳанг андар ӯ гурзу шамшер буд.

www.sattor.com

Замин шуд ба кирдори дарёи қир,
Ҳама мавҷаш аз ханҷару гурзу тир.

Дамон[1] бодпоён чу киштӣ бар об
Сӯи ғарқ доранд гуфтӣ шитоб.[2]

Ҳаме гурз борид бар хӯду тарг,
Чу боди[3] хазон борад аз бед барг.

Ба як ҳафта ду лашкари номҷӯй
Ба рӯй андароварда з-ин гуна рӯй.[4]

Ба ҳаштум ҷаҳондор Ковусшоҳ
Зи сар баргирифт он каёнӣ кулоҳ.

Ба пеши ҷаҳондовари раҳнамой
Биёмад, ҳаме буд гирён ба пой.

В-аз он пас бимолид бар хок рӯй,
Чунин гуфт, к-эй довари ростгӯй.

Саворон чу киштӣ равон андар ӯ
Ба рӯй андароварда аз кина рӯ.

1. ИЛ – Давон.
2. ТПЗ– Фаровон сар афтода монанди гӯй,
Дилу синаҳо чоку хун буд ба ҷӯй.
3. ИЛ – моҳи.
4. ТПЗ– Сипаҳдор Рустам яли сафшикан
Або ҷонситон теғи душманфикан
Нишаста ба Рахш-андарун ҳамчу кӯҳ,
Дарафканда танҳо ба девон гурӯҳ,
Зи бора чу бигзордӣ теғи тез,
Зи девон баровард ӯ растахез.
Ба як захм даҳ сар фикандӣ зи дӯш,
Ба наъра бикандӣ дили шери рӯш.
Зи гурзаш дили осмон чок шуд,
Зи гардаш фалак рӯй пурхок шуд.
Хадангаш чу аз шаст кардӣ гузар,
Муғарбал шудӣ з-он дили шери нар.
Камандаш чу тан рост кардӣ ба ҳам,
Чу аждар кашидӣ ялонро ба дам.
Зи пову рикобаш ҷаҳон хира монд,
Зи теғаш замин дида дар хун нишонд.
Бад-ин гуна з-он лашкари номдор
Фаровон бияфканд дар корзор.

www.sattor.com

Бар ин наррадевони бетарсу бок,
Аё[1] офаринандаи обу хок,

Маро деҳ ту фирӯзиву фарраҳӣ,
Ба ман тоза кун тахти[2] шаҳаншаҳӣ!

Бипӯшид аз он пас ба миғфар сараш,
Биёмад бари номвар лашкараш.

Хурӯш омаду нолаи каррной,
Биҷунбид чун кӯҳ лашкар[3] зи ҷой.

Сипаҳбад бифармуд, то Геву Тус
Зи пушти сипоҳ андаровард кӯс.

Чу Гударз бо Зангаи Шоварон,
Чу Руҳҳому Гургину ҷанговарон.

Гуроза биёмад ба сони гуроз,
Дурафше барафрохта ҳашт боз.[4]

Чу Фарҳоду Харроду Барзину Гев,
Сарафроз Баҳрому Густаҳми[5] нев.

Даманда бад-он размгоҳ омаданд,
Ба наввӣ ҳама кинахоҳ омаданд.[6]

Таҳамтан ба қалб андаромад нахуст,
Заминро ба[7] хуни далерон бишуст.[8]

Чу Гударзу Кашвод бар маймана,
Силеҳу сипаҳ[9] бурду кӯсу буна.

1. ИЛ – аз.
2. И – тоҷи.
3. ИЛ – пил Рустам.
4. Л – ёз.
5. Л – Бирафтанд бо номдорони.
6. Л – б. 880 нест.
7. Л – зи.
8. И – б. 877 – 881 нест.
9. ИЛ – сипар.

www.sattor.com

Аз он маймана то бад-он майсара
Бишуд Гев чун гург пеши бара.

Зи шабгир то тира гашт офтоб,
Ҳаме хун ба ҷӯй андаромад чу об.

Зи чеҳра бишуд шарму оину меҳр,
Ҳаме гурз борид гуфтӣ сипеҳр.

Зи кушта ба ҳар ҷой-бар[1] тӯда гашт.[2]
Гиёҳо ба мағзи сар олуда гашт.[3]

Чу раъди хурӯшанда шуд бӯқу[4] кӯс,
Хур андар паси пардаи обнӯс.

Аз он сӯ, ки буд шоҳи Мозандарон,
Бишуд пилтан бо сипоҳи гарон.

Замоне накард ӯ яла ҷои хеш,
Бияфшурд бар кинагаҳ пои хеш.

Худу деву пилони пархошҷӯй,
Ба рӯй андаровардa якбора рӯй.[5]

Кашиданд шамшеру гурз он сарон,
Баромехт бо ҳам сипоҳи гарон.

Ҷаҳонҷӯй кард аз ҷаҳондор ёд,
Синондор найза ба доранда дод.

Бароҳехт гурзу баровард ҷӯш,
Ҳаво гашт з-овози ӯ пурхурӯш.[6]

---

1. Л – пур.
2. Л – буд.
3. Л – буд.
4. Л – хурӯшон шуда таблу.
5. ТПЗ– Сипаҳбад чунин гуфт бо сарварон,
Ки эй номдорони ҷанговарон.
Як имрӯз дар кор чустӣ кунед,
Ба мардонагӣ бас дурустӣ кунед.
6. ТПЗ– Ба шамшер аз он лашкари номдор
Табаҳ кард бисёр дар корзор.

www.sattor.com

Аз овози он гурди солоркуш
На бо дев ҷону на бо пил ҳуш.

Фиканда ҳама дашт хартуми пил,
Ҳама кушта диданд бар чанд мил.[1]

В-аз он пас Таҳамтан яке найза хост,
Сӯи шоҳи Мозандарон тохт[2] рост.

Чу тундар хурӯшон шуда ҳардувон,
Шаҳи ҷодувон, Рустами паҳлавон.

Чу бар найзаи Рустам афканд чашм,
Намонд эч бо ӯ далериву хашм.[3]

Дили Рустам аз кина омад ба ҷӯш,
Баровард чун шери шарза хурӯш.[4]

Яке найза зад бар камарбанди ӯй,
Зи габр андаромад ба пайванди ӯй.

Шуд аз ҷодувӣ тан-ш як лахти кӯҳ,
Аз Эрон назора бар он-бар[5] гурӯҳ.

Таҳамтан фурӯ монд аз ӯ дар шигифт,
Синондор найза ба гардан гирифт.

---

1. ТПЗ– Аз он пас ҳаме номвар паҳлавон
Або номдорону кундоварон*
Баровехт бо шоҳи Мозандарон,
Ҳаме лашкараш хира гашт андар он.**
Биёмад равон назди он бадгумон,
Хурӯшид монанди пили дамон.
Бад-ӯ гуфт, к-Эй бадраги нобакор,
Ба майдони кина кунун пой дор!
Чу дид он сипаҳдор гурди сутург,
Хурӯшон биёмад чу дарранда гург.
Давон чун ба наздики Рустам расид,
Зи зинкӯҳа гурзи гарон баркашид.

* З – ба ҷои ин б. 896 омадааст, ки ба матн бештар алоқаманд менамояд. ** И – ҳамин б. ҳаст.

2. И – рафт.
3. И – б. 898 нест.
4. Л – 897 – 899 нест.
5. Л – бад-он буд.

www.sattor.com

Расид андар он ҷой Ковусшоҳ
Або пилу кӯсу дурафшу сипоҳ.

Ба Рустам чунин гуфт, к-эй сарфароз,[1]
Чӣ будат, ки эдар бимондӣ дароз?[2]

Чунин гуфт Рустам, ки чун разм сахт
Бибуду барафрӯхт пирӯзбахт.

Маро дид чун*[3] шоҳи Мозандарон,
Ба гардан баровარда гурзи гарон,[4]*[5]

Ба Рахши диловар супурдам инон,
Задам бар камарбанди габраш синон.

Гумонам чунон буд, ки ӯ сарнагун
Кунун ояд аз кӯҳаи зин бурун.

Бар ин гуна шуд санг дар пеши ман,
Набуд огаҳ аз камму аз беши ман.[6]

Ба лашкаргаҳаш бурд хоҳам кунун,
Магар, к-ояд аз санги хоро бурун.

Бифармуд шаҳ, то аз он ҷойгаҳ
Барандаш ба наздикии пойгаҳ.[7]

Зи лашкар ҳар он кас, ки буд зӯрманд,
Бисуданд санг, озмуданд чанд.[8]

Набархост аз ҷой санги гарон,
Миёна-дарун шоҳи Мозандарон.

---

1. И – Ковусшоҳ.
2. –-ба роҳ.
3. И – Ин.
4. ТПЗ – Инон тофт бар кин, баромад зи ҷой,
Бад-он сон, ки парвоз гирад ҳумой.
5. М – даст- андарун обдода синон.
6. ТПЗИЛ– Чунин санги хоро яке кӯҳ гашт,
Зи ганҷу зи мардӣ беандӯҳ гашт.
7. ИЛ – б. 911 нест.
8. Л – банд.

www.sattor.com

Гави пилтан кард чангол боз,
Бар он озмоиш набудаш ниёз.

Бар он гуна он сангро баргирифт,
К-аз ӯ монд лашкар саросар шигифт.

Пиёда ҳамерафт бар китф[1] кӯҳ,
Хурӯшон паси пушти ӯ-дар гурӯҳ.

Абар кирдгор офарин хонданд,
Ба Рустам зару гавҳар афшонданд.[2]

Ба пеши саропардаи шоҳ бурд,
Бияфканду эрониёнро супурд.

Бад-ӯ гуфт: Ар эдун, ки пайдо шавӣ,
Бигардӣ аз ин тунбалу ҷодувӣ.

В-агарна ба пӯлоди тезу[3] табар
Бибуррам ҳама сангро сар ба сар.

Чу бишнид,[4] шуд ҳамчу як пора абр,
Ба сар бар-ш пӯлоду дар тан-ш габр.

Таҳамтан гирифт он замон дасти ӯй,
Бихандиду зӣ шоҳ бинҳод рӯй.

Чунин гуфт, к-овардам ин лахти кӯҳ,
Зи бими табар шуд ба чангам сутӯҳ.

Бад-ӯ - дар нигаҳ кард Ковусшоҳ,
Надидаш сазовори тахту кулоҳ.

Яке зиштрӯ буду болодароз,
Сару гардану ашк ҳамчун гуроз.[5]

1. Л – суфт.
2. ИЛ – Бар ӯ зарру гавҳар барафшонданд.
3. И – пӯлодтеғу; Л – пӯлод теғу.
4. Л – бишнида.
5. ИЛ – б. 925 нест.

www.sattor.com

В-аз он ранҷҳои куҳан ёд кард,
Дилаш хаста буд, лаб пур аз боди сард.

Ба дижхим фармуд, то теғи тез
Бигирад, танашро кунад рез-рез.

Таҳамтан гирифт он гаҳе риши ӯ,
Кашиду бурун бурдаш аз пеши ӯ.

Ба фармони он хусрави номдор
Бикарданд аз он пас варо пора-пор.[1]

Ба лашкаргаҳаш кас фиристод зуд,
Бифармуд, то хоста ҳар чи буд

Зи ганҷу зи тахту зи тоҷу[2] камар,
Зи аспу силеҳу зи теғу гуҳар,

Ниҳоданд ҳар ҷой чун кӯҳ-кӯҳ,
Бирафтанд лашкар ҳама ҳамгурӯҳ.

Сазовори ҳар кас бубахшид ганҷ,
Бавижа[3] касе к-аш фузун буд ранҷ.

Зи девон ҳар он кас,[4] ки буд носипос,
В-аз эшон дили анҷуман пурҳарос,

Бифармудашон, то буриданд сар,
Фиканданд ҷое, ки буд раҳгузар.

Аз он пас биёмад ба ҷои намоз,
Ҳаме гуфт бо довари пок роз,

Ки, эй додгар, довари корсоз,
Ту кардӣ маро дар ҷаҳон бениёз.[5]

---

1. ТПЗ– Чу шуд кушта он шоҳи бедодгар,
Ки дархур набудаш кулоҳу камар.
2. Л – кулоҳу.
3. Л – Хусусан.
4. ИЛ – ҳар он кас.
5. И – б. 937 нест.

www.sattor.com

Ту додӣ маро даст бар ҷодувон,
Сари бахти пирам ту кардӣ ҷавон.[1]

Ба як ҳафта бар пеши Яздони пок
Ҳаме бо ниёиш бипаймуд хок.

Ба ҳаштум дари ганҷҳо кард боз,
Бубахшид, бар ҳар кӣ будаш ниёз.

Ҳаме гашт як ҳафта з-ин гуна низ,
Бубахшид, бар ҳар кӣ боист чиз.[2]

Севум[3] ҳафта чун корҳо гашт рост,
Маю ҷоми ёқуту беҷода хост.

Ба як ҳафта бо ҷоми май буд ба даст,[4]
Ба Мозандарон кард ҷои нишаст.[5]

Чу Ковус биншаст бар тахт боз,
Чунин гуфт бо Рустами сарфароз

Ки, эй паҳлавони ҷаҳон сар ба сар,
Ба мардӣ намудӣ ба ҳар ҷо ҳунар.

Зи ту ёфтам ман кунун тахти хеш,
Ба ту бод равшан дилу дину кеш.[6]

Таҳамтан чунин гуфт бо шаҳрёр,
Ки ҳар гунае мардум[7] ояд ба кор.

Маро ин ҳунарҳо зи Авлод хост,
Ки ҳар сӯ маро роҳ бинмуд рост.

1. Л – б. 937, 938 нест.
2. ИЛ – б. 914 нест.
3. И – Сари.
4. Л – ба чанг; И – пур ба чанг.
5. ИЛ – аз ин пас даранг.
6. ИЛ – б. 944-946 нест.
7. Л – гуна мард андар.

www.sattor.com

Ба Мозандарон дорад акнун умед,
Чунин додамаш ростиро навид.[1]

Кунун хилъати шоҳ бояд нахуст,
Яке аҳду мӯҳре бар -ӯ бар дуруст,

Ки ӯ шоҳ бошад ба Мозандарон,
Парастиш кунандаш ҳама меҳтарон.[2]

Чу бишнид гуфтори хусравпараст,
Ба барзад ҷаҳондори бедор даст.

Зи Мозандарон меҳтаронро бихонд,
Зи Авлод чанде суханҳо биронд.[3]

Супурд он гаҳе тоҷи[4] шоҳӣ бад-ӯй,
В-аз он ҷо сӯи Порс бинҳод рӯй.

БОЗ ОМАДАНИ КОВУС БА ЭРОНЗАМИН ВА ГУСЕЛ КАРДАН РУСТАМРО БА НИМРӮЗ

Чу Ковус дар шаҳри Эрон расид,
Зи гарди сипаҳ шуд ҷаҳон[5] нопадид.

Баромад ҳаме то ба хуршед ҷӯш,
Зану мард шуд пеши ӯ бо хурӯш.

Ҳама шаҳри Эрон биёростанд,
Маю руду ромишгарон хостанд.

Ҷаҳон сар ба сар нав шуд аз шоҳи нав,
Зи Эрон баромад яке моҳи нав.

---

1. ТПЗ– Сазад, гар шаҳаншоҳи кеҳтарнавоз
Дар ин анҷуман созадаш сарфароз.
2. ТПЗ– Яке чокари нек бошад туро,
Фиристад туро боҷ андархуро.
3. ТПЗ– Чунин гуфт, к-аз рои ӯ нагзаред,
Мабодо, ки аз карда кайфар баред.
Яке вижа хилъат бад-ӯ доду гуфт,
Ки пайваста некӣ кунад дар нуҳуфт.
4. И – тахти.
5. ИЛ – ҳаво.

www.sattor.com

Чу бар тахт биншаст пирӯзу шод,
Дари ганҷҳои кухан баркушод.

Зи ҳар ҷой рӯзидиҳонро бихонд,
Ба девони динор[1] додан нишонд.

Баромад хурӯш аз дари пилтан,
Бузургони лашкар шуданд анҷуман.

Ҳама шодмон назди шоҳ омаданд,
Бад-он номвар тахтгоҳ[2] омаданд.

Таҳамтан биёмад ба сар-бар кулоҳ,
Нишаст аз бари тахт наздики шоҳ.[3]

Ҳаме хост дастурӣ аз тоҷвар,
Ки то боз гардад сӯи Золи Зар.[4]

Сазовори ӯ шаҳрёри замин
Яке хилъат орост боофарин.

Яке тахти пирӯзаи мешсор,
Яке хусравӣ тоҷи гавҳарнигор.

Яке даст зарбафти[5] шаҳаншаҳӣ,
Або[6] ёраву тавқ, бо фарраҳӣ.

Сад аз моҳрӯён ба заррин камар,
Сад аз мушкмӯёни бозебу фар.

Сад аспи гаронмоя[7] зарринситом,[8]
Сад астар сияҳмӯю зарринлагом.

1. И – девон ба динор.
2. Л – Бар он номвар тахту гоҳ.
3. Л – тахти пирӯзшоҳ.
4. ИЛ – б. 964 нест.
5. И – дебазарбафти.
6. ИЛ – Яке.
7. Л – аспони тозӣ.
8. ИМ –аспон ба заррину симинситом.

www.sattor.com

Ҳама борашон дебаи хусравӣ
Зи румиву чиниву аз паҳлавӣ.

Бибурданд динор сад бадра низ
Зи рангу зи бӯю зи ҳар гуна чиз.

Зи ёқут ҷоме пур аз мушки ноб,
Зи пирӯза дигар яке пургулоб.

Набишта яке номае бар ҳарир,
Зи мушку маю уду анбар, абир.

Супурдаш ба солори гетифурӯз
Ба наввӣ ҳама кишвари Нимрӯз.

Чунон к-аз паси аҳди Ковусшоҳ
Набошад бар он тахт кас бо[1] кулоҳ.

В-аз он пас бар ӯ офарин кард шоҳ,
Ки бе ту мабинод кас ҳуру моҳ.

Дили номдорон ба ту гарм бод,
Равонат пур аз шарму озарм бод.

Фурӯ ҷаст Рустам, бибӯсид тахт,
Басечи гузар карду барбаст рахт.[2]

Хурӯши табира баромад зи шаҳр,
Зи шодӣ ба ҳар кас расонид баҳр.

Бибастанд озину бонги дарой,
Биғуррид кӯсу ҳам ин[3] каррнной.

Бишуд Рустами Золу биншаст шоҳ,
Ҷаҳон кард равшан ба оину роҳ.

Заминро бубахшид бар меҳтарон,
Чу боз омад аз шаҳри Мозандарон.

---

1. Л – касро.
2. З– Баромад ҳаёҳуи бонги дарой,
Ғави кӯс бо нолаи каррной.
3. Л – дигар.

www.sattor.com

Бидодаш ба Тус он гаҳ испаҳбадӣ,
Бад-ӯ гуфт, аз Эрон бигардон бадӣ.

Пас он гаҳ Сипоҳон ба Гударз дод,
Варо гоҳу фармони он марз дод.

В-аз он пас ба шодиву май даст бурд,
Ҷаҳонро намуд ӯ басе дастбурд.[1]

Бизад гардани ғам ба шамшери дод,
Наёмад ҳаме бар дил аз марг ёд.

Замин гашт пурсабзаву обу нам,
Шуд ороста ҳамчу боғи Ирам.

Тавонгар шуд аз доду аз эманӣ,
Зи бад баста шуд дасти аҳриманӣ.[2]

Бимонданд яксар бад-ин дар[3] шигифт,
Ки Ковусшоҳ он[4] бузургӣ гирифт.

Ҳама пок бо ҳадяву бо нисор,
Кашиданд саф бар дари шаҳрёр.

Ҷаҳон чун биҳиште шуд ороста,
Пур аз доду оганда аз хоста.

Шунидӣ ҳама ҷанги Мозандарон,
Кунун гӯш кун разми Ҳомоварон.[5]

---

1. Л – б. 982-985 нест.
2. ТПЗ– Ба рӯзу ба шаб бору барги дарахт,
Ҳаме офарин хонд бар тоҷу тахт.
Ба ҳар соате сад ҳазор офарин
Бар он шоҳ бод аз ҷаҳонофарин,
Ки обод дорад ҷаҳонро ба дод,
Або дод бахшиш кунад низ ёд.
Ба гетӣ хабар шуд, ки Ковусшоҳ
Зи Мозандарон бистад он тоҷу гоҳ
3. Л – ҳама з-он; И – ҳаме з-ин.
4. Л – Ковус гоҳи.
5. ИЛ – Б. 993 нест.

www.sattor.com

КОРИ КАЙКОВУС БА ШАҲРИ БАРБАРИСТОН ВА ДИГАР ДОСТОНҲО

РАЗМ КАРДАНИ КОВУС БО ШОҲИ ҲОМОВАРОН

Зи мӯбад бад-ин гуна дорем ёд,
Ҳам аз гуфти он пири деҳқоннажод,[1]

К-аз он пас чунон кард Ковус рой,
Ки дар подшоҳӣ бичунбад зи ҷой.

Аз Эрон бишуд то ба Турону Чин,
Гузар кард аз он пас ба Мукронзамин.

Зи Мукрон шуд ороста то зиреҳ,*[2]
Миёнҳо надиданд банду гиреҳ.*[3]

Бипазруфт ҳар меҳтаре божу сов,
Накард озмун гов бо шер тов.

Чунон ҳам гурозон ба Барбар шуданд,
Ҷаҳонҷӯй бо тоҷу афсар шуданд.

Шаҳи Барбаристон биёрост ҷанг,
Замона дигаргунатар шуд ба ранг.*[4]

Сипоҳе биёмад зи Барбар ба разм,
Ки аз лашкари шоҳ бархост базм.

Кас аз хок дасту инонро надид,
Зи гарди сипаҳ пил шуд нопадид.

Ба захм- андар омад ҳаме фавҷ-фавҷ,
Бар он сон, ки бархезад аз об мавҷ.

Чу Гударз гетӣ бар он гуна дид,
Зи кӯҳа амуди гарон баркашид.[5]

---

1. ИЛ – б. 1 нест.
2. М – чун арӯс.
3. М – Баромад дами ной бо бӯқу кӯс.
4. М–К-аз анбӯҳи эшон ҷаҳон гашт танг.
5. ТПЗ– Чу Тусу Фарибурзу Густаҳми шер,
   Чу Харроду Гургину Геви далер.

www.sattor.com

Бизад асп бо номдорон ҳазор
Або найзаву тири ҷавшангузор.

Баровехту бидрид қалби сипоҳ,
Дамон аз паси ӯ ҳаме рафт шоҳ.[1]

Ту гуфтӣ ба Барбар саворе намонд,
Ба гирд- андарун найзадоре намонд.

Ба шаҳр- андарун ҳар кӣ буд, солх(в)ард,
Чу баргашта диданд боди набард,

Ҳама пеши Ковусшоҳ омаданд,
Ҷигархаставу узрхоҳ омаданд,

Ки мо шоҳро чокару бандаем,
Ҳамон божро гардан афкандаем.

Чу бо маймана майсара гашт рост,
Хурӯш аз саворони ҷангӣ бихост.
Зи ҳарду сипаҳ бар фалак шуд хурӯш,
Замин ҳамчу дарё баромад ба ҷӯш.
Зи бас гурзу борони алмоси тир,
Зи тоби саворони бодоругир.
Ту гуфтӣ ҷаҳон коми нараждаҳост,
Зи гурдон равон бар замона балост.
Зи гарди саворон ҳаво баст меғ,
Дами кӯс тундар буду барқ теғ.
Будаш тир борону ханҷар тагарг,
Равон гашта аз барфу борон-ш марг.
Сипаҳдор Гударзи лашкаршикан
Ба даст- андарун теғи душманфикан
Хурӯшону ҷӯшон чу пили дамон
Яке ҳамла овард бар бадгумон.
Зи бозу чу бигзордӣ теғи тез,
Баровардӣ аз барбарӣ растахез.
Зи сӯи дигар Геви пархошхар
Зи бозу намудӣ ба гурдон ҳунар.
Ба як захм даҳ сар фигандӣ нагун
Замин карда аз теғ дарёи хун.
Чу Тус ончунон дид аз қалбгоҳ,
Биҷунбиду омад ба оваргоҳ.

1. ТПЗ– Зи гурдони Эрону Ковусшоҳ
Ҳазимат намуданд дигар сипоҳ.

www.sattor.com

Ба ҷои дирам зарру гавҳар диҳем,
Сипосе зи ганҷур бар сар ниҳем.

Бубахшуд Ковусу бинвохт-шон,
Яке роҳу оини нав сохт-шон.

В-аз он ҷойгаҳ бонги санҷу дарой,
Хурӯш омаду нолаи каррной.[1]

Чу омад-ш аз шаҳри Барбар гузар,
Сӯи кӯҳи Қоф омаду Бохтар.

Чу огоҳӣ омад бад-эшон зи шоҳ,
Ниёишкунон баргирифтанд роҳ.

Пазира шудандаш ҳама меҳтарон,
Ба сар барниҳоданд божи[2] гарон.

Чу фармон гузиданду ҷустанд роҳ,
Беозор баргашт шоҳу сипоҳ.

Сипаҳро сӯи Зобулистон кашид,
Ба меҳмонии пури Дастон кашид.

Бибуд шоҳ як моҳ дар Нимрӯз,
Гаҳе руду май хост,гаҳ бозу юз.

Бар ин бар наёмад басе рӯзгор,
Ки бар гӯшаи гулситон раст хор.

Кас аз озмоиш наёбад ҷавоз,
Нишеб оядаш, чун шавад бар фароз.

Чу шуд кори гетӣ бад-ин ростӣ,
Падид омад аз тозиён костӣ.

Яке бо гуҳар буду бо ганҷу ком,
Дурафше барафрохт[3] аз Мисру Шом.

---

1. ТПЗ– Битӯфид гетӣ, чу лашкар биронд,
Ба рӯз - андарун рӯшноӣ намонд.
2. ИЛ – бори.
3. ИЛ – барафрошт.

www.sattor.com

Зи Ковуси кай рӯй бардоштанд,[1]
Дари кеҳтарӣ хор бугзоштанд.

Чу омад ба шоҳи ҷаҳон огаҳӣ,
Ки анбоз дорад ба шоҳаншаҳӣ,

Бизад кӯсу бардошт аз Нимрӯз,
Шуда шоддил шоҳи гетифурӯз.[2]

Сипаҳ бар сипарҳо набиштанд ном,
Бичӯшид шамшерҳо дар ниём.[3]

Сипаҳро зи ҳомун ба дарё кашид,
Бад-он сон*[4] куҷо душман ӯро надид.

Беандоза киштиву заврақ бисохт,
Биёрост лашкар, бад-ӯ дарнишохт.

Ҳамоно, ки фарсанг будӣ ҳазор,
Агар пойро роҳ[5] кардӣ шумор.

Ҳаме ронд, то дар миёни се шаҳр
Зи гетӣ бар ин гуна ҷӯянда баҳр.

Ба дасти чапаш Мисру Барбар ба рост,
Зи раҳ бар миёна бар он сӯ, ки хост.

Ба пеш- андарун шаҳри[6] Ҳомоварон,
Ба ҳар кишваре дар[7] сипоҳи гарон.

---

1. Л – баргаштанд.
2. ТПЗ– Ҷаҳонпаҳлавонро наёвард пеш,
Бимондаш бад-он шаҳру маъвои хеш,
Сарону гузинони* Эронзамин,
Ҳама бурдашон аз паи разму кин.
* З – саворону гурдони
3. ТПЗ– Замин гашт ҷунбон чу киштӣ бар об,
Зи гарди сипаҳ тира шуд офтоб.
4. М – сӯ.
5. И – роҳро пой.
6. ИЛ – шоҳи.
7. И – бо.

www.sattor.com

Хабар шуд бад-эшон, ки Ковусшоҳ
Баромад зи оби Зиреҳ бо сипоҳ.

Ҳамовоз гаштанд бо якдигар,
Сипаҳро сӯи Барбар омад гузар.

Сипаҳ буд чандон яли теғзан,
Ба Барбарситон- бар шуданд анҷуман.

Сипоҳе, ки дарёву саҳрову кӯҳ
Шуд аз наъли аспони эшон сутӯҳ.

Набуд шери даррандаро ҷойгоҳ,
На гӯри*[1] жиён ёфт бар дашт роҳ.[2]

Паланг аз бари сангу моҳӣ дар об,
Ҳам андар ҳаво абру паррон уқоб,[3]

Ҳаме роҳ ҷустанду кай буд роҳ
Даду домро бар чунон ҷойгоҳ?!

Чу Ковус лашкар ба хушкӣ кашид,
Кас андар ҷаҳон кӯҳу ҳомун надид.

Ҷаҳон гуфтӣ аз диръу аз ҷавшан аст,
Ситора зи нӯки синон равшан аст.

Зи бас хӯди заррину зарринсипар
Ба гардан баровара рахшон табар.

Ту гуфтӣ замин гашт зарри равон,
Ҳаме борад аз теғи ҳиндӣ равон.

Зи гардаш ҳаво гашта чун сандарус,
Замин сар ба сар тира чун обнус.

Бидаррид кӯҳ аз дами говдам,
Замин омад аз сумми аспон ба ҳам.

---

1. М – пили.
2. М-Фин б. нест.
3. Л – б. 46 нест.

www.sattor.com

Зи бонги табира ба Барбарситон,
Ту гуфтӣ замин гашт лашкарситон.[1]

Баромад зи эронсипаҳ[2] бӯқу кӯс,
Бурун рафт Баҳрому Гургину Тӯс.

В-аз он сӯ, ки Гударзи Кашвод буд,
Чу Геву чу Шедӯшу Фарҳод[3] буд,

Фиканданд бар ёли аспон инон,
Ба заҳр об доданд нӯки синон.

Чу бар кӯҳаи зин ниҳоданд сар,
Хурӯш омаду чок-чоки табар.

Ту гуфтӣ, ҳаме сангу оҳан кананд,
В-агар осмон бар замин барзананд.

Бичунбид Ковус дар[4] қалбгоҳ,
Сипоҳ андаромад ба пеши сипоҳ.

Чунон шуд, ки торик шуд чашми мард,
Биборид шангарф бар лоҷвард.

Ту гуфтӣ, ҳаво жола борад ҳаме,
Ба санг-андарун лола корад ҳаме.

Зи чашми синон оташ омад бурун,
Замин шуд ба кирдори дарёи хун.

Се лашкар чунон шуд аз эрониён,
Ки сар боз нашнохтанд аз миён.[5]

---

1. ТПЗ – Ду лашкар чу бар ҳам расиданд танг,
Дил аз кина огандаву сар зи ҷанг.
Зи ҳар ду тараф баркашиданд саф
Ба каф ханҷару бар лаб оварда каф.
2. ИЛ – Эрон ғави.
3. И – Харрод.
4. Л – аз.
5. ТПЗ– Яке наъра зад Геву гуфт, эй сарон,
Бикӯшед дар разми бадгавҳарон.
Раво нест баргаштан аз корзор,
Агар ҷон супорем дар кор зор.

www.sattor.com

Нахустин сипаҳдори Ҳомоварон
Бияфканд шамшеру гурзи гарон.[1]

Ғамин[2] гашту аз шоҳ зинҳор хост,
Бидонист, к-он рӯз рӯзи[3] балост.

Ба паймон, ки аз шаҳри Ҳомоварон
Сипаҳбад диҳад сову божи гарон.

Зи аспу силеҳу зи тахту кулоҳ,
Фаровон фиристад ба[4] Ковусшоҳ.

Чу ин дода бошад, аз ӯ бигзарад,
Сипоҳаш бару буми ӯ наспарад.[5]

Зи гурдони эронсипаҳ ҳар кӣ буд,
Барангехтанд асп монанди дуд.
Яке аждаҳо гашту дигар паланг,
Яке пили номӣ, яке шерчанг.
Ниҳоданд бар душманон теғи кин,
Басо сар, ки афканда шуд бар замин,
Баромад хурӯши диҳу дору гир,
Чу борон биборид жӯпину тир.
Зи бас найзаву теғи заҳробдор
Ҳаме тира буд чашми ханҷаргузор.
Бипайваст гарде чу абри сиёҳ,
Ки торик шуд рӯи хуршеду моҳ,
Ҳаво гашт аз найза чун бешае,
Дили ҳар саворе дар андешае.
Зи бас хун, ки шуд рехта бар замин,
Яке лолазоре шуд он дашти кин.
Зи пайкони алмосу парри уқоб
Натобид рахшон рухи офтоб.
Фалакро зи гарди саворон нисор,
Гирифта ҳаво каргаси гӯштхор.
Зи бас дасти бепою бепой даст
Ту гуфтӣ, к-аз он размгаҳ кас нараст.
Зи кушта ба ҳар ҷой-бар тӯда буд,
Ба хун дашт яксар биёлуда буд,
Шикаста шуданд он се шоҳу сипоҳ,
Ҳама як ба як гашта зинҳорхоҳ.

1. И – б. 63 –65 нест.
2. ИЛМ – Ғамӣ.
3. Л – рӯзгори.
4. ИЛМ – Фиристад ба наздики.
5. ТПЗ– Ҳамедун шаҳи Барбару Мисру Шом
Бад-ин гуна доданд ҳар ду паём.

www.sattor.com

Зи гӯянда бишнид Ковуси кай,
Бар ин гуфтаҳо посух афканд пай,

Ки як сар шумо дар паноҳи манед,
На ҷӯяндаи тоҷу гоҳи манед.

Ба пардасарой омадаш бо сипоҳ
Або шодиву ком Ковусшоҳ.

Фиристода омад зи Ҳомоварон,
Биёвард ганҷу силеҳи гарон.

Забарҷад биёвард ганҷу гуҳар,
Чунин гуфт, эй меҳтари додгар,

Ҳама чокару хоки пои туем,
Агар меҳтаронем, агар кеҳтарем.

Ҳамасола пирӯз бодиву шод!
Сару бахти душман нагунсор бод!

Чу он гуфта шуд, хокро дод бӯс,
Биёмад ба пеши сипаҳдор Тус.

Басе зарру гавҳар биёвард пеш,
Бибахшид бар ҳар касе камму беш.[1]

БА ЗАНӢ ХОСТАНИ КОВУС СУДОБА – ДУХТАРИ ШОҲИ ҲОМОВАРОНРО

В-аз он пас ба Ковус гӯянда гуфт,
Ки ӯ духтаре дорад андар нуҳуфт,

Ки аз сарв болош зеботар аст,
Зи мушки сияҳ бар сараш афсар аст.

Ба боло баланду ба гесӯ каманд,
Забонаш чу ханҷар, лабонаш чу қанд.[2]

1. ИЛ – б. 72–78 нест.
2. ТПЗ – Фурӯ ҳишта гесӯ зи сар бар замин,
Зи Эзад бар он моҳ бод офарин!

www.sattor.com

Биҳиштест ороста пурнигор,
Чу хуршеди тобон ба хуррамбаҳор.

Нашояд, ки бошад ҷуз ӯ ҷуфти шоҳ,
Чӣ неку бувад шоҳро ҷуфт моҳ.

Биҷунбид Ковусро дил зи ҷой,
Чунин дод посух, ки нек аст[1] рой.

Ман ӯро кунам аз падар хостор,
Ки зебад ба мушкӯи мо он нигор.[2]

Гузин кард шоҳ аз миёни гурӯҳ
Яке марди бедори донишпижӯҳ.

Гаронмояаш наслу мағзаш гарон,
Бифармуд, то шуд ба Ҳомоварон.

Чунин гуфт, к-ӯро ба ман тоза кун,
Биёрой мағзаш ба ширин сухун.

Бигӯяш, ки пайванди ман дар ҷаҳон
Биҷӯянд корозмуда меҳон,

Ки[3] хуршед равшан зи тоҷи ман аст,
Замин пояи тахти оҷи ман аст.

Ҳар он кас, ки дар сояи ман паноҳ
Наёбад, аз ӯ кам шавад пойгоҳ.

Кунун бо ту пайванд ҷӯям ҳаме,
Рухи оштиро бишӯям ҳаме.

Паси пардаи ту яке духтар аст,
Шунидам, ки тахти маро дар(х)ар аст,

Ки покизачеҳр асту покизатан,
Ситуда ба ҳар шаҳру ҳар анҷуман.

1. Л – ин аст.
2. ИЛ – б. 85 нест.
3. ИЛМ – Чу.

www.sattor.com

Ту домод ёбӣ чу пури Қубод,
Чунон дон, ки хуршед доди ту дод.

Бишуд марди бедори чиразабон
Ба наздики солори Ҳомоварон.

Забон кард гӯёву дил кард гарм,
Биёрост лабро ба гуфтори нарм.

Зи Ковус додаш дуруду салом,
В-аз он пас бигуфт, он чи буд аз паём.

Чу бишнид солори Ҳомоварон,
Дилаш гашт пурдарду сар шуд гарон.

Ба дил[1] гуфт ҳарчанд, к-ӯ подшост,
Ҷаҳондору пирӯзу фармонравост,

Маро дар ҷаҳон ин яке духтар аст,
Ки[2] аз ҷони ширин гиромитар аст.

Фиристодаро гар кунам сарду хор,
Надорам паю мояи корзор.[3]

Ҳамон беҳ, ки ин дардро низ чашм
Бихобем бар дил, бипӯшем хашм.[4]

Чунин гуфт бо марди ширинсухун,
Ки сар нест ин орзуро, на бун.

Ҳаме хоҳад аз ман гиромӣ ду чиз,
Ки онро се дигар надонем низ.

Маро пуштгармӣ буд аз хоста,
Ба фарзанд будам дил ороста.

---

1. ИЛ – Ҳаме.
2. ИЛ – К-ам.
3. ТПЗ– В-агар нури дида фиристам бад-ӯй,
Або дида тира шавад пеши рӯй.
4. ТПЗ– Аз он пас, ки бисёр андеша кард,
Хирадмандию ройро пеша кард.

www.sattor.com

Ба ман з-ин сипас дил намонад ҳаме,
В-агар шоҳи Эрон ситонад ҳаме,

Супорам ҳаме[1] ҳарҷӣ бояд, бад-ӯй,
Натобам сар аз рою фармони ӯй.

Ғамин[2] гашту Судобаро пеш хонд,
Зи Ковус чанде суханҳо биронд.

Бад-ӯ гуфт, к-аз меҳтари сарфароз,
Ки ҳаст аз меҳиву беҳӣ бениёз,

Фиристодае чарбгӯй омадаст,
Яке нома бо достонҳо ба даст.

Ҳаме хонад[3] аз ман, ки бе коми ман
Бибуррад зи дил хобу ороми ман.

Чӣ гӯӣ ту акнун, ҳавои ту чист?
Бад-ин кор бедор[4] рои ту чист?

Бад-ӯ гуфт Судоба: Гар чора нест,
Аз ӯ беҳтар имрӯз ғамхора нест.

Касе к-ӯ бувад шаҳрёри ҷаҳон,
Бару бум хоҳад ҳаме аз меҳон.

Бипайванд бо ӯ, чароӣ дижам?!
Касе наспарад шодмонӣ ба ғам.

Бидонист солори Ҳомоварон,
Ки Судобаро он наёмад гарон.[5]

---

1. ИЛ – варо.
2. ИЛ – Ғамӣ.
3. ИЛМ – хоҳад.
4. ИЛ – кори якбора.
5. ТПЗ– Яке достон барзад он шаҳрёр
Зи кори худу гардиши рӯзгор.
Киро дар паси парда духтар бувад,
Агар тоҷ дорад, бадахтар бувад.

www.sattor.com

Фиристодаи шоҳро пеш хонд,
В-аз он номдорон-ш боло[1] нишонд.

Бубастанд аҳде бар оини хеш,
Бад-он сон, ки буд он замон дину[2] кеш.

Ба як ҳафта солори Ҳомоварон
Ҳаме сохт он кор бо меҳтарон.

Биёвард пас хусрави хастадил
Парастанда сесад, иморӣ чиҳил.

Ҳазор уштуру аспу астар ҳазор.
Зи дебову динор карданд бор.

Зи ҳавдаҷ фурӯ ҳишта дебо ҷулайл,
Сипоҳ истода рада хайл-хайл.

Аморӣ ба моҳи нав ороста,
Паси пушти ӯ - андарун хоста.

Яке лашкар ороста чун биҳишт,
Ту гуфтӣ, ҳаво бар замин[3] лола кишт.

Чу омад ба наздики Ковусшоҳ,
Дилорою он хубчеҳра сипоҳ,

Зи ҳавдаҷ баромад яке моҳи нав
Чу ороста шоҳ бар гоҳи нав.

Зи мушки сияҳ карда бар гул нигор,
Фурӯ ҳишта бар ғолия гӯшвор.

Ду ёқут рахшон, ду наргис дижам,
Сутуни ду абрӯ чу симин қалам.[4]

Нигаҳ кард Ковусу хира бимонд,
Ба Судоба-бар номи Яздон бихонд.

1. ИЛ – бартар.
2. Л – расму.
3. ИЛМ – рӯи ҳаво.
4. ТПЗ – Ду абрӯ ба монанди чочикамон,
К-аз ӯ хаста гаштӣ дили мардумон.

www.sattor.com

Яке анҷуман сохт бо бихрадон,
Зи бедордил, пирсар мӯбадон.

Сазо дид Судобаро ҷуфти хеш,
Аз ӯ ком бистад ба оину кеш.

В-аз он пас бад-ӯ гуфт: Чун дидамат,
Ба мушкӯи заррин писандидамат.[1]

ГИРИФТАНИ ШОҲИ ҲОМОВАРОН КОВУСРО

Ғамин буд ба дил[2] шоҳи Ҳомоварон,
Зи ҳар гунае чора ҷуст андар он.

Чу як ҳафта бугзашт, ҳаштум пагоҳ
Фиристода омад ба наздики шоҳ,

Ки гар шоҳ бинад ба меҳмони ман,
Биёяд хиромон сӯи хони ман.

Шавад шаҳри Ҳомоварон арҷманд,
Чу бинанд рухсори шоҳи баланд.

Бар он гуна бо ӯ ҳаме чора ҷуст,
Ниҳониш бад буду рояш дуруст.

Магар шаҳру духтар бимонад бад-ӯй,
Набошад магар бар сараш божи ӯй.

Бидонист Судоба рои падар,
Ки бо сур пархош дорад ба сар.[3]

Ба Ковуси кай гуфт,[4]*[5] к-ин рой нест,
Туро худ ба меҳмони ӯ ҷой нест.

Набояд ки бо сур ҷанг оварад,
Туро бебаҳона ба ҷанг оварад.

---

1. Л – б. 133 нест.
2. Л – Ғамӣ шуд дили.
3. ИЛ – б. 140 нест.
4. Л – Пас он гаҳ чунин гуфт; И – Ба шаҳ гуфт Судоба.
5. М – Пас он гаҳ ба шаҳ.

www.sattor.com

Зи баҳри ман аст ин ҳама гуфтугӯй,
Туро з-ин наёяд ҷуз андуҳ ба рӯй.

Зи Судоба гуфтор бовар накард,
Намедошт э-эшон касеро ба мард.

Бишуд бо далерону кундоварон
Ба меҳмонии шоҳи Ҳомаварон.

Яке шаҳр буд шоҳро, Шоҳа ном,
Ҳамон аз дари суру ҷашну хиром.

Бад-он шаҳр будиш ҷои[1] нишаст,
Ҳама шаҳр сар то сар озин бубаст.

Чу дар Шоҳа шуд шоҳи гарданфароз,
Ҳама шаҳр бурданд пешаш намоз.

Ҳаме[2] гавҳару заъфарон рехтанд,
Ба мушку ба[3] анбар баромехтанд.

Ба шаҳр-андар овози руду суруд
Ба ҳам баркашиданд чун тору пуд.

Чу дидаш сипаҳдори Ҳомоварон,
Пиёда шудаш пеш бо меҳтарон.

Аз айвони солор то пеши дар
Ҳама дурру ёқут бориду зар.

Ба заррин табақҳо фурӯ рехтанд,
Ба сар мушку анбар ҳаме бехтанд.

Ба кох-андарун тахти заррин ниҳод,
Нишаст аз бари тахт Ковус шод.

Ҳаме буд як ҳафта бо май ба даст,
Хушу хуррам омад-ш ҷои нашаст.

1. Л – будаш сарою; ИМ – будаш сарои.
2. ИЛ – Бар ӯ.
3. ИЛ – Ба динору.

www.sattor.com

Шабу рӯз дар пеш чун кеҳтарон
Миён баста буд шоҳи Ҳомоварон.

Бубаста ҳама лашкарашро миён,
Парастанда дар пеши эрониён.

Бад-ин гуна то яксар эмин шуданд
Зи чуну чарову зи биму газанд.

Сари ҳафта[1] буданд ороста,
Сиголида в-аз ҷой бархоста.

Зи Барбар ҳама лашкар огаҳ шуданд,
Сиголиш чунин буд, дар раҳ шуданд.

Зи Барбарситон чун биёмад сипоҳ,
Ба Ҳомоварон шоддил гашт шоҳ.

Шабе бонги бӯқ омаду тохтан,
Касеро набуд орзу сохтан.[2]

Гирифтанд ногоҳ Ковусро,
Ҳамон Геву Гударзу ҳам Тусро.

Чу Гургину чун Зангаи Шоварон,
Ҳама номдорону кундоварон

Гирифтанду бастанд дар банд сахт,
Нагунсор гашта ҳама фарру тахт.[3]

Чӣ гӯяд дар ин мардуми жарфбин?
Чӣ донӣ, ту эй кордон, андар ин?

Чу пайвастаи хун набошад касе,
Набояд бар ӯ будан эмин басе.

Бувад низ пайваста хунӣ, ки меҳр
Бибуррад зи ту, то бигардад-ш чеҳр.[4]

---

1. ИЛ – ҳама гуфта.
2. И – хостан.
3. ИЛ – б. 165 нест.
4. ТПЗИ– Зи нодӯстӣ роз пайдо кунад,
Ҳамон к-ӯ дурӯғ аст, расво кунад.

www.sattor.com

Чу меҳри касеро бихоҳӣ ба суд,
Бибояд ба суду зиён озмуд.[1]

Бувад, к-ӯ ба ҷоҳ аз ту камтар бувад,
Ҳам аз рашки меҳри ту лоғар бувад.

Чунин аст кайҳони нопокрой,
Ба ҳар бод хира биҷунбад зи ҷой.

Чу Ковус бар хирагӣ баста шуд,
Ба Ҳомоварон рой пайваста шуд.

Яке кӯҳ будаш, сар андар саҳоб,
Баровардаи Эзад[2] аз қаъри об.

Яке диж баровардa дар[3] кӯҳсор,
Ту гуфтӣ, сипеҳр асташ андар канор.

Бад-он диж фиристод Ковусро,
Ҳамон Геву Гударзу ҳам Тусро.

Ҳама меҳтарони дигарро ба банд
Або шоҳ Ковус дар диж фиканд.

Зи гурдон нигаҳбони диж шуд ҳазор,
Ҳама номдорони ханҷаргузор.

Саропардаи ӯ ба тороҷ дод,
Ба пурмоягон бадраву тоҷ дод.

Бирафтанд пӯшидарӯён ду хайл,
Иморӣ яке дар миёни ҷулайл,

Ки Судобаро боз ҷой оваранд,
Саропардаро зери пой оваранд.

Чу Судоба пӯшидагонро[4] бидид,
Ба тан ҷомаи хусравӣ бардарид.

1. Л – б. 169 нест.
2. Л – Баровардa то чарх.
3. ИЛ – аз.
4. И –пӯшидарӯён.

www.sattor.com

Ба мушкин каманд андарафканд чанг,
Ба фундуқ гулонро ба хун дод ранг.

Бад-эшон чунин гуфт, к-ин банду дард
Ситуда надонанд мардони мард.

Чаро рӯзи ҷангаш накардед банд,
Ки ҷома зиреҳ буду тахташ саманд?

Сипаҳдор чун Геву Гударзу Тус
Бидаррид дилтон зи овози кӯс.

Ҳаме тахти заррин камингаҳ кунед,
Зи пайвастагӣ даст кӯтаҳ кунед.

Парастандагонро сагон кард ном,
Суман пур зи хуну пуровоз ком.

Ҷудоӣ нахоҳам зи Ковус- гуфт,
Агарчи варо хок бошад[1] нуҳуфт.

Чу Ковусро банд бояд кашид,
Маро бегунаҳ сар бибояд бурид.

Бигуфтанд гуфтори ӯ бо падар,
Пур аз кин шудаш сар,[2] пур аз хун ҷигар.

Ба ҳиснаш фиристод наздики шӯй,
Ҷигар хаста аз ғам, зи[3] хун шуста рӯй.

Нишаст он ситамдида[4] бо шаҳрёр,
Парастанда ӯ буду ҳам ғамгусор.

ТОХТ КАРДАНИ АФРОСИЁБ БАР ЭРОНЗАМИН

Чу баста шуд он шоҳи дайҳимҷӯй,
Сипоҳаш ба Эрон ниҳоданд рӯй.

1. ИЛ – Агарчи лаҳад бошад ӯро.
2. И – дил.
3. ИЛ – ба.
4. ИЛ – Бибасташ ба як ҷой.

www.sattor.com

Зи дарё ба киштиву заврақ шуданд,
В-аз ин рӯ ба саҳрову ҳомун заданд.[1]

Чу омад ба Эронзамин лашкаркаш,
Пароканда шуд дар ҳама кишвараш,

Ки гум шуд зи полез сарви саҳӣ,
Пароканда шуд тахти шоҳаншаҳӣ.

Чу бар тахти заррин надиданд шоҳ,
Ба ҷустан гирифтанд ҳар кас кулоҳ.

Зи туркону аз дашти найзаварон
Зи ҳар сӯ биёмад сипоҳе гарон.

Гашан[2] лашкаре сохт Афросиёб,
Баромад сар аз хӯрду орому хоб.

Аз Эрон баромад ба ҳар сӯ хурӯш,
Шуд ором гетӣ пур аз ҷангу ҷӯш.

Бишуд тунд Афросиёб аз миён,*[3]
Баровехт бо лашкари тозиён.[4]

Ба ҷанг-андарун буд лашкар се моҳ,
Бидоданд сарҳо зи баҳри кулоҳ.

---

1. ИЛ – б. 194 нест.
2. Л – Дигар.
3. М–-Барошуфт Афросиёб он замон.
4. Л– Баровехт бо лашкари тозиён,
Чу шуд тунд Афросиёб он замон.
Сипаҳбад сӯи гурзи кин даст бурд,
Ба ҳар кас, ки мезад, ҳаме кард хурд.
Сипоҳаш бад-ин сон ҳама ҳамгурӯҳ,
Ҳама ҳамла карданд монанди кӯҳ.
Ба шамшер аз он лашкари номдор
Бияфканд бисёр дар хок зор.
Чу дарёи алмос шуд кони лаъл,
Тани кушта фарсуда дар зери наъл.
Ба эшон биборид кӯполу теғ,
Шуданд он далерон ба роҳи гуреғ.
Чу ғурми даванда зи чанголи гург
Бирафт он диловар сипоҳи бузург.

www.sattor.com

Шикаст омад аз турк бар тозиён,
Зи ҷусти[1] фузунӣ сар омад зиён.

Сипоҳ андар Эрон пароканда шуд,
Зану марду кӯдак ҳама банда шуд.

Чунин аст расми сарои сипанҷ,
Ҳама аз паи оз бо дарду ранҷ.

Саранҷом неку бадаш бигзарад,
Шикор асту маргаш ҳаме бишкарад.

Ҳама дар гирифтанд эронсипоҳ,
Бар эрониён гашт гетӣ сиёҳ.

Ду баҳра сӯи Зобулистон шуданд,
Ба хоҳиш бари пури*[2] Дастон шуданд,

Ки моро зи бадҳо ту бошӣ паноҳ,
Чу гум шуд кунун фарри Ковусшоҳ.

Бигуфтанд ҳар кас, ки шӯрид бахт,
Ба пеш андаромад[3] кунун кори сахт[4]

Дареғ аст Эрон, ки вайрон шавад,
Куноми палангону шерон шавад.

Ҳама ҷои ҷангисаворон будӣ,
Нишастангаҳи шаҳрёрон будӣ.

Кунун ҷои сахтиву ҷои балост,
Нишастангаҳи тезчанг аждаҳост.

Кунун чорае бояд андохтан,
Дили хеш аз ранҷ пардохтан.[5]

---

1. ЛМ – чустан; И – баҳрӣ.
2. М – ба наздики.
3. И – андарояд.
4. –б. 210 нест.
5. Л – б. 214 нест;
   ТПЗ– Агар рой бинад ҷаҳонпаҳлавон,
   Бипардозад Эрон зи турконгавон.

www.sattor.com

Касе к-аз палангон бихӯрдаст шир,
Аз ин ранҷ моро бувад дастгир.

Фиристод бояд яке пурхирад
Ба наздики Рустам, чу андархурад.

Яке мӯбаде рафту паймуд роҳ
Бари пури Дастон яли кинахоҳ.[1]

Бигуфт, он куҷо дида буду шунид,
Аз он[2] Рустами шердил бардамид.[3]

Биборид аз дидагон[4] оби зард,
Дилаш гашт пуртобу ҷон пур зи дард.

Чунин дод посух, ки ман бо сипоҳ
Миён бастаам ҷангро, кинахоҳ.

Чу ёбам зи Ковуси кай огаҳӣ,
Кунам шаҳри Эрон зи туркон тиҳӣ.

Фиристод ҳар сӯ ба ҳар кишваре,
Биёмад ба ҳар ҷойгаҳ лашкаре.[5]

Зи Зобул ҳам аз Кобулу ҳиндувон
Сипаҳ ҷумла омад бари паҳлавон.

Баромад ғави бӯқу ҳиндидарой,
Биҷӯшид лашкар бад-он паҳнҷой.

Нишинад ба ором бар тахтгоҳ,
Ҳама банда бошему ӯ подшоҳ.
В-агар на зану кӯдаконмон асир
Ба чанголи девон бувад хир-хир.

1. И – Дастон, ки буд некхоҳ.
2. И – Ду лаб.
3. Л – б. 216-218 нест.
4. Л – Рустам ба рух; И – Рустам чашм.
5. ИЛ – ба ҷои б. 222-225 ин б. омада:
Пас огоҳӣ омад зи Ковусшоҳ
Зи банду камингоҳу кори сипоҳ.
Сипаҳро зи Кобул* ба Зобул бихонд,
Миён бастаи ҷанг лашкар бимонд.

* И – яко як.

www.sattor.com

Ба кирдори оташ дилаш бардамид,
Чу боди дамон лашкар андаркашид.

ПАЁМ ФИРИСТОДАНИ РУСТАМ БА НАЗДИ ШОҲИ ҲОМОВАРОН

Яке марди бедори ҷӯяндароҳ
Фиристод наздики Ковусшоҳ,

Ки ман омадам бо сипоҳи гарон
Сӯи разми солори Ҳомоварон.[1]

Ту дил шодмон дору андӯҳ маҳ(в)ар,
Ки инак расидам бад-он буму бар.[2]

Ҳамон назди солори Ҳомоварон
Бишуд номдоре зи кундоварон.

Яке нома бинвишт бо гиру дор,
Пур аз гурзу шамшеру пур корзор,[3]

Ки бар шоҳи Эрон камин сохтӣ,
Ба пайвастагӣ-дар[4] бад андохтӣ.[5]

На мардӣ бувад чора ҷустан ба ҷанг,
На зуфтӣ ба сони[6] диловар наҳанг,

1. ТПЗ – Бад-он, то намоям бад-ӯ доварӣ.
Мар он кас, ки будаст аз лашкарӣ.
2. ИЛ – б. 227 – 228 нест.
3. ТПЗ – Нахуст аз ҷаҳонофарин кард ёд,
Дари донишу додро баркушод.
Дигар гуфт, к-Эй шоҳи Ҳомоварон,
Ҳамоно, ки ҳастӣ зи бадгавҳарон.
Зи бадгавҳарӣ бар ту бас ин нишон,
Ки найранг созӣ ба гарданкашон.
Зи бедонишӣ ҷустаӣ бартарӣ,
Ту бадгавҳариву зи саг камтарӣ.
Бад-ин сон бибояд-т аз хеш шарм,
Ба гетӣ надонӣ ҳаме сарду гарм.
4. Л – Ба пайвастан эдар.
5. И – Ба пайвандаш аз бад бипардохтӣ.
6. И – Нарафтӣ ба расм.

www.sattor.com

Ки дар ҷанг ҳаргиз насозад камин,
Агарчанд бошад дилаш пур зи кин.[1]

Агар шоҳ Ковус ёбад раҳо,
Ту растӣ зи чанги бади аждаҳо.[2]

В-агарна биёрой чанги маро,
Ба гардан бипаймой ҳанги маро.[3]

Ҳамоно шунидӣ ту*[4] аз меҳтарон,
Ки чун кардаам ҷанги Мозандарон.

Ҳамон разми Пӯлоди Ғандию Бед,
Шунидӣ чӣ кардам ба Деви Сапед?

Чу нома ба мӯҳр андаромад дуруст,
Фириста шуду зуд раҳро биҷуст.[5]

Фиристода шуд то ба[6] Ҳомоварон,
Бидодаш паёми ҷаҳонпаҳлавон.[7]

Чу пайғом бишниду нома бихонд,
Зи кирдори худ дар шигифтӣ бимонд.[8]

Чу бархонд нома, сараш хира шуд,
Ҷаҳон пеши чашмаш ҳама тира шуд.

---

1. ТПЗ– Туро кардам огаҳ, к-аз ин бартарӣ
Бипечиву пӯӣ раҳи кеҳтарӣ.
2. ТПЗ– В-агар сар битобӣ зи андарзи ман,
Саратро ҳаме дур хоҳӣ зи тан.
Надонӣ, ки чун ман кунам рои ҷанг,
Зи теғам бисӯзад ба дарё наҳанг.
Ба кишвар бибахшою бар хеш ҳам,
Бад-он то нагардӣ парешон ба ғам.
3. ТПЗ– Ба дорои кайҳону Ҳурмузду шед,
Ба разму ба базму ба биму умед,
Ки ман кини Ковусу эронсипоҳ
Бихоҳам зи ту, бехирад подшоҳ!
4. М – шунидастӣ.
5. ИЛ – 237, 238 нест.
6. Л – назди.
7. Л – яко-як сарон.
8. ТПЗ– Аз он номи равшан дилаш шуд ба ҷӯш,
Баровард чун раъди ғуррон хурӯш.

www.sattor.com

Чунин дод посух, ки Ковуси кай
Ба ҳомун дигар наспарад низ пай.

Ту ҳар гаҳ ки оӣ ба Барбарситон,
Саворон ҳама гирд карда инон.

Ҳамин банду зиндонат оростаст,
Агар роят ин орзу хостаст.

Биёям ба ҷанги ту ман бо сипоҳ
Бар ин гуна созем оину роҳ.

Чу пӯянда бишнид гуфтори ӯй,
Бигардиду омад сӯи номҷӯй.[1]

Якояк сухан назди Рустам бигуфт,
Ки беҳуш варо дидаму девҷуфт.

Ҳамон посухаш низ дархур набуд,
Ки Оҳарманаш кард дил пур зи дуд.[2]

Чу бишнид посух гави пилтан,
Далерони лашкар шуданд анҷуман.

Баромад хурӯшидани каррной,
Таҳамтан ба Рахш андаровард пой.[3]

---

1. ТПЗ– Фиристодаро хор карду биронд.
Ҳаме оташи хашму кин барфишонд.
Ҳам андар замон лашкаре гирд кард,
Ки шуд рӯзи равшан шаби лоҷвард.
Сипоҳе ҳама найзаву гурздор,
Ялони сарафрозу ханҷаргузор.
В-аз ин сӯ фиристодаи сарфароз
Чу омад ба назди сипаҳбад фароз,
Зи гуфтору кирдори он бадниҳод
Якояк паёмаш ба Рустам бидод.
2. ИЛ – б. 246 – 248 нест.
3. ИЛ – б. 250 нест.
ТПЗ– Пур аз хашму кин кард савганд ёд,
Ба меҳру ба кину ба дину ба дод,
Ки ман з-он саги бадраги тираҷон
Ситонам ҳама марзи Ҳомоварон
Ба размаш даровардa, беҷон кунем,
Чу бар бобзан мурғи печон кунем.

www.sattor.com

Сӯи жарфдарё биёмад ба ҷанг,
Ки бар хушк-бар буд раҳ бо диранг.

Ба киштиву заврақ сипоҳи гарон
Бирафтанд бар сӯи[1] Ҳомоварон.

Ба тороҷу куштан биёростанд,
Аз озарм дилҳо бипеCростAND.

Чу солори Ҳомоварон з-ин сипоҳ
Шуд огоҳу аз Рустами кинахоҳ,[2]

Бибоист ногоҳаш омад ба ҷанг,
Набуд рӯзгори сукуну диранг.

Барошуфту з-он марз бар шуд хурӯш,
Ҷаҳон омад аз ғорату хун ба[3] ҷӯш.

Чу берун шуд аз шаҳри худ бо сипоҳ,
Бар ӯ рӯз ҳамчун шаб омад сиёҳ.

Аз овои шайпуру ҳиндидарой,
Ту гуфтӣ, сипеҳр андаромад зи ҷой.

Чапу рост лашкар биёростанд,
Ба ҷанг-андарун номвар хостанд.

Гави пилтан гуфт: Ҷангӣ манам,
Ба овардгаҳ-бар дирангӣ манам.

Бипӯшид пас ҷавшани корзор,
Ба Рахши даманда баровард бор.[4]

Бифармуд, то барнишинад сипоҳ
Паи разми Ҳомоварон кинахоҳ.

1. ИЛ – Расиданд наздики.
2. ТПЗ – Хабар шуд ба шоҳи Ҳамовар* аз ин,
Ки Рустам ниҳодаст бар Рахш зин.
* Л – ҳумоюн; Ин – Ҳомоварон шоҳ.
3. И– Ҷаҳон шуд пур аз ғорату ҷангу.
4. ТПЗ– Ба гурдон чунин гуфт пас паҳлавон,
Ки, эй номдорони фаррухтавон,
Ба найза бикӯшед дар корзор,
Бароред яксар аз эшон димор.

www.sattor.com

Баровард гурзи гаронро ба дӯш,
Барангехт аспу баромад ба ҷӯш.[1]

Чу диданд лашкар бару ёли ӯй,
Ба даст-андарун[2] гурзу кӯполи ӯй.[3]

Ту гуфтӣ, ки дилшон баромад зи тан,
Зи ҳавлаш пароканда гашт анҷуман.

Гурезон биёмад ба Ҳомоварон
Зи пеши Таҳамтан сипоҳи гарон.

Чу биншаст солор бо ройзан,
Ду марди ҷавон хост аз анҷуман.

Бад-он, то фиристад ҳам андар замон
Ба Мисру ба Барбар чу боди дамон.

Яке нома ҳар як ба даст-андарун,[4]
Набишта ба дарди дил аз обхун,

К-аз ин подшоҳӣ бад-он нест дур,[5]
Ба ҳам буд неку баду ҷангу сур.

Гар эдун, ки бошед бо ман яке,
Зи Рустам натарсам ба ҷанг андаке.[6]

Саворон сӯи найза бурданд даст
Хурӯшон ба кирдори пилони маст.
Наистон шуд аз найза овардгоҳ,
Зи найза на хуршед пайдо, на моҳ.
Ба қалб-андарун тохт Рустам чу бод,
Набудаш зи Ҳомоварон ҳеч ёд…

1. Л – хурӯш.
2. Л – дашт-андарун.
3. ТПЗ– Ҳамон номдорони зобулгурӯҳ,
Ки бо найза буданд монанди кӯҳ.
4. ИЛ – ба ҷанг – андарун.
5. ИЛ– К-аз он подшоҳӣ бад-он дур нест.
Ба неку ба бад-ҳарду онро якест.
6. ТПЗ– Аз он сӯ шумову аз ин сӯй мо
Бигардем дар ҷанг бо аждаҳо.

www.sattor.com

В-агарна аз ин бар ҳама бад расад,
Дароз аст бар ҳар сӯе дасти бад.[1]

Чу нома ба наздики эшон расид,
Ки Рустам бад-он дашт лашкар кашид,

Ҳама дил пур аз бим бархостанд,
Сипоҳи ду*[2] кишвар биёростанд.

Ниҳоданд сар сӯи Ҳомоварон,
Замин кӯҳ гашт аз карон то карон.

Сипаҳ кӯҳ то кӯҳ саф баркашид,
Зи гарди сипаҳ моҳ шуд нопадид.

Чу Рустам чунон дид, наздики шоҳ
Ниҳонӣ барафканд гурде ба роҳ,

Ки шоҳи се кишвар ҳама ҷангҷӯй
Ба як раҳ сӯи ман ниҳоданд рӯй.

Агар ҷангро ман биҷунбам зи ҷой,
Далерон надонанд сарро зи пой.

Набояд, к-аз ин кин ба ту бад расад,
Ки кори бад аз мардуми бад сазад.

Маро тахти Барбар наёяд ба кор,
Агар бад расад бар тани шаҳрёр.

Чунин дод посух, ки м-андеш аз ин,
На густарда аз баҳри ман шуд замин?

Чунин буд, то буд гардонсипеҳр,
Ки бо нӯш заҳр асту бо кина[3] меҳр.

---

1. ИЛ– В-агар на бад-он подшо бад расад,
На аз ҳар кас аз Рустамат* х(в)ад расад.
* И – Рустам
2. М – се.
3. ИЛ – ҷавр.

www.sattor.com

Ва дигар, ки доранда ёри ман аст,
Панохҳ асту меҳраш ҳисори ман аст.

Ту мар Рахши пӯяндаро деҳ инон,
Биёрой гӯшаш ба нӯки синон.

В-аз эшон яке зинда андар ҷаҳон
Мамон ошкоро, на андар ниҳон.[1]

Таҳамтан чу бишнид гуфтори ӯй,
Басечиду[2] зӣ ҷанг бинҳод рӯй.

Барангехт он Рахши пӯяндаро,
Ҳамеҷуст[3] он ҷангҷӯяндаро.

Даромад,[4] баробар ба ҷанг истод,
Бар он душманон чашми худ баркушод.

Талаб кард гурди диловар яке,
Зи бисёр гурдон ва ё[5] андаке.

Наёраст омад касе пеши ҷанг,
Диловар ҳаме кард бар ҷо диранг,

Ки то рафт хуршеди рахшон дар об,
Даромад шаби тирагун[6] дар шитоб.[7]

---

1. ТПЗ– В-агар з-он ки моро зи чархи баланд
Расад аз бадандеш захми газанд.
Ту Эронзаминро нигаҳдор бош,
Ба доду диҳиш кӯшу ҳушёр бош!
Фиристода бишниду баргашт боз,
Биёмад ба наздики он сарфароз.
Сухан ҳар чи бишнид он гурдмард,
Ба пеши сипаҳбад ҳама ёд кард.
2. ИЛ –Бипечид.
3. И – Талаб кард.
4. Л – Биёмад.
5. Л – гурдон в-аз.
6. И – қиргун.
7. ТПЗ– Чу хуршед дар қир зад шаъри зард,
Гуҳарбафт шуд байрақи лоҷвард.
Ситора чу гул гашту гардун чу боғ,
Чу парвона парвину маҳ чун чароғ.

www.sattor.com

Яли пилтан Рустами сарфароз[1]
Сӯи ҷои худ дарзамон рафт боз.

Ба оромгаҳ буд, то шаб гузашт,
Дигар рӯз чун шед рахшанда гашт,

Зи ҷой андаромад гави пилтан,
Сафе баркашид аз ялон анҷуман.

РАЗМ КАРДАНИ РУСТАМ БО СЕ ШОҲ ВА РАҲО ШУДАНИ КОВУС АЗ БАНД

Дигар рӯз лашкар биёростанд,
Дурафш аз дурӯя бипеAccording ростанд.

Таҳамтан чу лашкар ба ҳомун кашид,
Сипоҳи се шоҳу се кишвар бидид.

Чунин гуфт бо лашкари сарфароз,
Ки имрӯз мижгон бидоред боз.

Бушу ёл бинеду аспу инон,
Ду дида ниҳода ба нӯки синон.

Агар сад саворанду гар[2] сад ҳазор,
Фузунии лашкар наёяд ба кор.

Чу моро бувад ёр Яздони пок,
Сари душманон андарорам ба хок.

В-аз он сӯ шаҳон низ бар пушти пил
Нишастанду лашкар кашида ду мил.

Зи Барбарситон буд саду шаст пил,
Шуда ҷумла ҷӯшон чу дарёи Нил.[3]

1. ИЛ–Диловар инонро битобид боз.
2. И – Агар як ҳазоранду вар; Л – Агар сад ҳазоранду гар сад савор.
3. ИЛ – б. 300-3002 нест.

www.sattor.com

Зи[1] Ҳомоварон буд сад жандапил,
Яке лашкаре сохта то[2] ду мил.

Севум лашкари Миср саф баркашид,
Ҳаво нилгун шуд, замин нопадид.

Ту гуфтӣ ҷаҳон яксар аз оҳан аст,
Ва ё кӯҳи Албурз дар ҷавшан аст.[3]

Паси пушти гурдон дурафшон дурафш,
Ба гирд-андарун сурху зарду бунафш.

Аз овози гурдон битӯфид кӯҳ,
Замин омад аз наъли аспон сутӯҳ.

Бидаррид чангу дили шери нар,
Уқоби диловар бияфканд пар.

Ҳаме абр бигдохт андар ҳаво,
Баробар кӣ дид ӣстодан раво.

Чапу рост лашкар биёростанд,
Дилерон ҳама разму кин хостанд.

Гуроза биёрост бар маймана,
Бад-он сӯ кашиданд лашкар буна.

Сӯи майсара номбардор шер
Завора, ки буд аждаҳои далер.

Ба қалб-андарун пури Дастони Сом,
Абар кӯҳаи зин-дарун хамми хом.[4]

1. ИЛ – Ба.
2. ИЛ – бар.
3. ИЛ – б. 305 нест.
4. ТПЗ– Чу Ҳомовар順шоҳ аз дур дид,
Ки Рустам бад-он сон ҳаме бардамид,
Ғамин гашту оҳанги овез кард,
Аз он пас, ки дар ҷанг парҳез кард.
Биёвард лашкар зи чаппу зи рост,
Ҳама мағзи гурдон зи наъра бикост.
Ба қалб-андарун шоҳи Ҳомоварон,
Ба гирдаш яке лашкари бекарон.

www.sattor.com

Бифармуд Рустам, ки то каррной
Зананду бичунбанд лашкар зи ҷой.[1]

Баромад дурахшидани теғу хишт,
Ту гуфтӣ ҳаво бар замин лола кишт.

Бад-он сӯ, ки ӯ Рахшро рондӣ,
Ту гуфтӣ, ки оташ барафшондӣ.[2]

Зи хун дашт гуфтӣ, ки рӯди Зам аст,
На[3] разми гави пилтан Рустам аст.[4]

Бурида зи*[5] ҳар сӯ сари таргдор,
Пароканда хафтон ҳама дашту ғор.

Таҳамтан мар он Рахшро тез кард,
Зи хуни фурӯмоя парҳез кард.

Ҳаме тохт андар паи шоҳи Шом,
Бияндохт аз бод он хамми хом.

Миёнаш ба ҳалқа даровард гурд,
Ту гуфтӣ ҳам андар миёнаш фишурд.

Биларзид гетӣ зи бори гарон,
Зи бас кӯҳи оҳан карон то карон
Зи бас гарди лашкар ҷаҳон тор шуд,
Магар меҳри рахшон гирифтор шуд.

1. ИЛ – б. 310 – 314 нест;
ТПЗ–- Сиголиш бад-ин сон дарандохтанд.
Бипардохтанду бурун тохтанд.
Чакочоки теғ омаду гурзу тир,
Зи хуни ялон дашт гашт обгир.
2. ИЛ –б. 316 нест.
3. Л – Ки.
4. ТПЗ– Фаровон аз он мардумон кушта шуд,
Ба сар-бар сипеҳри бало гашта шуд.
Зи кирдори солори ноҳушёр
Бад омад сипаҳро бар он корзор.
Зи кушта дару дашт гашта чу кӯҳ,
Гурезон ба ҳар гӯшае шуд гурӯҳ.
Басе сар фитода ба майдон чу гӯй,
Зи хуни ялон буд равон ҷӯй-ҷӯй.
5. М – ба.

www.sattor.com

Зи зин баргирифташ ба кирдори гӯй,
Ки чавгон ба захм андарояд ба рӯй.

Бияфканду Баҳром дасташ бубаст,
Гирифтор шуд номбардор[1] шаст.

Ба хун гашта оғушта ҳомуну кӯҳ,
Зи бас кушта омад зи*[2] ҳарду гурӯҳ.

Шаҳи Барбаристон ба чанги гуроз
Гирифтор шуд бо чиҳил сарфароз.[3]

Нигаҳ кард пас шоҳи Ҳомоварон,
Ҳама кушта дид аз карон то карон.

Гурӯҳе зи номварон хаста дид,
Гурӯҳе ба банди гарон баста дид.

Гави пилтан дид бо теғи тез
Фиканда бар он размгаҳ растахез.

Бидонист, к-он рӯз рӯзи балост,
Ба Рустам фиристоду зинҳор хост.[4]

Ба паймон, ки Ковуси кай бо сарон
Бари Рустам орад зи Ҳомоварон.

---

1. ИЛ–Шуд он марди паҳлав гирифтори.
2. М – афканда аз.
3. ТПЗ– Завора ба кирдори шери жиён
Бари шоҳи Миср андаромад дамон.
Баровехт бо шоҳ ҷангисавор,
Бизад бар сараш теғи заҳробдор.
Зи сар то миёнаш ба ду ним кард,
Дили размҷӯён пур аз бим кард.
Чу дар размгаҳ кушта шуд номдор
Ба дасти Завора диловар савор,
Ба ҳар сӯ ҳаме тохт чун пили маст,
Гурӯҳе бикушту гурӯҳе бихаст.
Зи кушта замин гашт бо кӯҳ рост,
Ҳаме гуфт ҳар кас, ки рӯзи балост.*
* Дар ИЛ – танҳо ба охирин дида мешавад.
4. ИЛ – б. 325-329 нест.

www.sattor.com

Саропардаву ганҷу тоҷу гуҳар,
Парастандаву тахту заррин камар.

Бар ин барниҳоданду барсохтанд,
Сипоҳи се кишвар бипардохтанд.

Чу шоҳи Ҳамовар ба шаҳр-андарун
Биёмад, бибиншаст[1] бо раҳнамун,

Фиристоду Ковусро оварид,
Бад-ӯ дод гоҳаш, чунон чун сазид.[2]

Чу аз диж раҳо кард Ковусро,
Ҳамон Геву Гударзу ҳам Тусро,

Силеҳи се кишвар, се ганҷи се шоҳ,
Саропардаи лашкару тоҷу гоҳ,[3]

Сипаҳбад ҷуз ин хоста ҳар чӣ дид,
Ба ганҷи сипаҳдори Эрон кашид.

Биёрост Ковуси хуршедфар
Ба дебои румӣ яке маҳди зар.

Зи ёқут тоҷу зи пирӯза гоҳ,
Гуҳар бофта бар ҷулайли сиёҳ.

Яке аспи раҳвор зер-андараш,
Лагоми ба зар ожада[4] бар сараш.

---

1. ТПЗМ – ва биншаст.
2. ИЛ – б. 333, 334 нест;
ТПЗ– Сипоҳи се кишвар амон хостанд,
Бад-он гуфтаҳо дил биёростанд.
Бар ин барниҳоданд яксар сипоҳ,
К-аз он пас набошад касе кинахоҳ.
Гави пилтан низ паймон бибаст.
Ки он бастагонро кушояд ду даст.
3. ТПЗ– Зи пилу зи пирӯзаву тахти оҷ,
Зи дебову дайҳиму аз дурри тоҷ.
Ҳам аз теғи ҳиндиву гурзи гарон,
Зи пурмоя аспону аз гавҳарон.
Ҳамон хӯду баргустувон бешумор,
Зи пилони ҷангӣ фузун аз ҳазор.
4. ИЛ – озада.

www.sattor.com

Ҳама чӯбу болош аз уди тар,
Бар ӯ бофта чанд гуна гуҳар.

Ба Судоба фармуд, к-андарнишин,
Ниҳон рав, чу хуршед зери[1] замин.

Ба лашкаргаҳ овард лашкар зи шаҳр,
Зи гетӣ бар ин гуна ҷӯянда баҳр.[2]

Бар ӯ анҷуман шуд зи Барбар савор,
Зи Мисру зи Ҳомоварон сад ҳазор.

Сипоҳаш фузун шуд зи сесад ҳазор,
Зиреҳдору баргустувонвар[3] савор.[4]

ПАЙҒОМ ФИРИСТОДАНИ КОВУС БА НАЗДИ КАЙСАРИ РУМ ВА АФРОСИЁБ

Фиристода шуд назди Кайсар зи шоҳ,
Саворе ки андар[5]навардид роҳ.

---

1. И – Ниҳон рӯ зи хуршеди рӯи;
ТПЗ– Бубахшуд бар шоҳи Ҳомоварон,
Ба дил- дар наёвард банди гарон.
Ҳам ӯ рафту пас корсозӣ гирифт,
Ҳаме хешро сарфарозӣ гирифт.
Яке тахти пирӯза чун осмон,
Ба гавҳар дурахшанда чун ахтарон.
Дусад ҷома дебо бар он барфузуд,
Ба зарру гуҳар бофта тору пуд.
Саду чил канизак або тавқи зар,
Дусад ридаки хуби зарринкамар.
Зи аспу зи уштур фузун аз шумор,
Ҳама фаршу динор карданд бор.
Фиристод наздики Ковусшоҳ.
Шукуфта аз он шоҳи эронсипоҳ.
2. ТПЗ– Баророст, к-ояд ба Эронзамин,
Зи кишвар талаб кард гурдони кин,
Биёмад гарон лашкари барбарӣ,
Саворони ҷанговару лашкарӣ.
3. Л – баргустувон в-аз.
4. ТПЗ – Ба андозаи хештан ҳар касе,
Ҳаме некуиҳо намудӣ басе.
Шаҳони диловар або тахти зар,
Бари шоҳ рафтанд баста камар.
5. Л – эдар.

www.sattor.com

Бифармуд, к-аз номдорони Рум
Касе к-ӯ битозад ба барру ба*[1] бум,[2]

Фиристод бояд ба наздики ман,
Барафрӯхтан рои торики ман.[3]

Ҷаҳондида бояд инондор бас,
Инону сипар боядаш ёр бас.*[4]

Чунин лашкаре бояд аз марзи Рум,
Ки оянд бо ман ба ободбум.

Пас огоҳӣ омад зи Ҳомоварон,
Ба дашти саворони найзаварон,

Ки Рустам ба Мисру ба Барбар чи кард
Бар он шаҳрёрон ба рӯзи набард.[5]

Далерон биҷустанд гурди[6] савор,
Инонпечу аспафкану найзадор,[7]

Ки мо шоҳро сар ба сар чокарем,
Ҷаҳон ҷуз ба фармони ӯ наспарем.

Чу аз Гургсорон биёмад сипоҳ,
Ки ҷӯянд гоҳи сарафроз шоҳ.

Дили мо шуд аз кори эшон бадард,
Ки дилшон чунин бартарӣ ёд кард.

Ҳаме тахти ту[8] хост Афросиёб,
Чунин бад мабинод ҳаргиз ба хоб!

---

1. М–Мабодо, ки монад бад-он марғу
2. ТПЗ– Гароянд эдар ҳама сохта,
   Синонҳо ба абр- андар афрохта.
3. ИЛ – б. 348 нест.
4. М–Мабодо, ки ояд ҷуз ин ҳеч кас.
5. ТП – Кунун сӯи Эрон бипӯяд ҳаме,
   Зи туронсипаҳ разм ҷӯяд ҳаме.
6. И – гурду.
7. Л – Инонпечу гурдафкану номдор; И – мардвор.
8. ИЛ – ӯ.

www.sattor.com

Ҳама номдорони шамшерзан,
Бар ин кинагаҳ- бар шудем анҷуман.

Бирафтем бо найзаҳои дароз,
Бар ӯ талх кардем орому ноз.

Аз эшону аз мо басе кушта шуд,
Замона ба ҳар неку бад гашта шуд.

Кунун омад аз кори ту огаҳӣ,
Ки тоза шуд он фарри[1] шоҳаншаҳӣ.

Чу ту баргирой зи Барбар инон,
Ба гардан барорем яксар синон.

Замин кӯҳ то кӯҳ пурхун кунем,
Зи хуншон ҷаҳон рӯди Ҷайҳун кунем.

Фиристода бора барафканду рафт,
Ба Барбарситон рӯй бинҳод тафт.

Чу нома бари шоҳи Эрон расид,
Бад-ин гуна гуфтори боиста дид,

Аз эшон писанд омадаш коркард,
Ба Афросиёб он замон нома кард,[2]

Ки Эрон бипардозу бешӣ маҷӯй,
Сари мо шуд аз ту пур аз гуфтугӯй.

Туро шаҳри Турон басандаст х(в)ад,
Чаро хира ме-даст[3] ёзӣ ба бад?

Фузунӣ маҷӯй, ар шудӣ бениёз,
Ки зуд орадат пеш ранҷи дароз.

Туро кеҳтарӣ кор бастан[4] накӯст,
Нигаҳ доштан бар тани хеш пӯст.

---

1. ИЛ – тахти.
2. ТПЗ– Яке нома бинвишт Ковусшоҳ
Ба назди сипаҳдори туронсипоҳ.
3. Л – Зи хира ҳаме даст; И – Ки хира ҳаме даст.
4. Л – кори беҳтар.

www.sattor.com

Надонӣ, ки Эрон нишасти ман аст,
Ҷаҳон сар ба сар зери дасти ман аст.

Паланги жиён гарчи бошад далер,
Наёрад шудан пеши чанголи шер.[1]

Чу нома ба мӯҳр - андаромад, бидод
Ба дасти яке гурди паҳлавнажод.[2]

Ситад нома аз шоҳу раҳ баргирифт,
Ҳаме рафт пӯён ба роҳ, эй шигифт.

---

1. ТПЗ– Аз он размҳо дил бипардохтӣ,
Ҳама кор бар орзу сохтӣ,
Ки аз нав дигар лашкар овардаӣ,
Дурафши бузургӣ баровардаӣ.
Аз онҳо бидидӣ ҳама неку бад,
Кунун он гузин, к-ат писандад хирад.
Пушаймонӣ он гаҳ наёяд ба кор,
Чу бархезад аз буму кишвар димор.
Чунин гуфт шери жиён бо паланг,
Ки бар ғурм чун рӯз шуд тору танг,
Ба неку ба бад кори худ нангарад,
Биёяд, дамон пеши мо бугзарад.
Туро ҳам бад-он гуна донам ҳаме,
Хирад дар сари ту набинам ҳаме.
Пас андеша бояд дар ин кор кард,
Ба посух хирад боядат ёр кард.
Гар эдун, ки разм оварам бо сипоҳ
Ҷаҳонро кунам пеши чашмат сиёҳ.
Зи бас гурзу шамшери мардони мард
Зи абр андарорам саратро ба гард.
Ба гурзи гарону ба шамшери тез
На овард ёбӣ, на роҳи гурез.
Гар эдун, ки бо ин сипаҳ бугзарам,
Сару афсарат зери пай биспарам.
Туро бо далерони он анҷуман
Надорад ба кас Рустами пилтан.
Ба Туронзамин гар шудӣ шаҳрёр,
Або шоҳу шаҳри далерон чӣ кор?

2. ТПЗ– Чу он нома яксар ба поён расид,
Фиристодаи номвар баргузид.
Фиристода наздики Афросиёб
Ҳаме тохт пӯён чу киштӣ бар об.
Чу омад ба наздики туронсипоҳ,
Бибурданд ӯро ба наздики шоҳ.

www.sattor.com

Чу омад бари шоҳи туркону Чин,
Заминро бибӯсиду кард офарин.

Бад-ӯ дод пайғомҳо бешумор,
Ҳамон номаи номвар шаҳрёр.[1]

Чу он нома бархонд[2] Афросиёб,
Сараш гашт пуркину дил пуршитоб.

Фиристод посух, ки ин гуфтугӯй,
Назебад ҷуз аз мардуми зиштхӯй.

Туро гар сазо буд Эрон, бадон[3]
Ниёзат набудӣ ба Ҳомоварон.[4]

Кунун омадам ҷангро сохта,
Дурафши дурафшон барафрохта.

Бару буми Эрон дурӯя марост,
Бибояд шунидан суханҳои рост.

Ҳама шаҳри Эрон сарои ман аст,
Ки Тури Фаридун ниёи ман аст.

Ва дигар ба бозуи шамшерзан
Тиҳӣ кардам аз тозиён анҷуман.

Ба шамшер бистонам аз кӯҳ теғ,
Уқоб андарорам зи торик меғ.

Биёрост лашкар карон то карон
Ба гурзу ба теғу ба тиру синон.[5]

---

1. ИЛ – 374 –377 нест.
2. ИЛ – Чу ин огаҳӣ шуд ба.
3. ЛМ – будӣ Эрон, ҳамон.
4. ТПЗ– Ту донӣ, ки чун ман кунам рои ҷанг,
   Зи теғам бисӯзад ба дарё наҳанг.
   ИЛ – Мозандарон.
5. ТПЗ – Надорад касе тоби ман рӯзи ҷанг,
   На дар беша шеру ба дарё наҳанг.
   Манам шердил номдори меҳон,
   Ба мардӣ ҳаме бошам андар ҷаҳон.

www.sattor.com

Пас он гаҳ сӯи[1] номвар бошитоб
Биёмад ҳамон низ Афросиёб.[2]

Чу бишнид Ковус гуфтори ӯй,
Биёрост лашкар ба пайкори ӯй.

Зи Барбар биёмад сӯи тозиён
Яке лашкари бекарону миён.[3]

Ба ҷангаш биёрост Афросиёб,
Ба гардун ҳаме хок бар зад зи об,[4]

Ҷаҳон пур шуд аз нолаи бӯқу кӯс,
Замин оҳанин шуд, сипеҳр обнӯс.[5]

Зи захми табарзину аз бас таранг
Ҳаме мавҷи хун хост аз дашти ҷанг.

Таҳамтан биғуррид дар қалбгоҳ,
Ба як ҳамла бидрид қалби сипоҳ.[6]

Чу ойӣ ба майдони кин, пой дор,
Бад-он то бибинӣ ту мардони кор.
Чунонат бифарҳанҷам, эй бадниҳод,
Ки н-орӣ дигарбора Эрон ба ёд.

1. И – Бишуд сӯи ӯ.
2. ТПЗ– Фиристода баргашт бар сони бод,
Ба Ковус гуфт, он чи ӯ кард ёд.
3. ИЛ – Яке лашкаре бекарон румиён;
ТПЗ– Зи мардони гурд аз дари корзор
Бурун кард лашкар ду раҳ сад ҳазор
Ғави кӯсу гарди далерони ҷанг
Замон кард тору замин кард танг.
4. ТПЗ – Ба турониён лашкаре гирд кард,
Ки шуд рӯзи равшан шаби лоҷвард.
Ту гуфтӣ ба Турон саворе намонд,
Ки Афросиёб андар Эрон нахонд.
5. ТПЗ– Ба кина даровехтанд аз ду сӯй,
Зи хуни далерон равон гашт ҷӯй.
6. ИЛ – б. 393 нест;
ТПЗ– Ба ҳар ҳамла аз найзаи ҷонситон
Сар овард бар номдорон замон.
Фаровон табаҳ кард марду сутур,
Баровард аз лашкари Тур шӯр.

www.sattor.com

Сари бахти гурдони Афросиёб
Дар ин размгоҳ андаромад ба хоб.

Сипаҳдор чун кор*[1] з-он гуна дид,
Бе оташ бучӯшид ҳамчун набид.

Ба овоз гуфт: «Эй далерони ман,
Гузида бузургону шерони ман,

Шуморо зи баҳри чунин рӯзгор
Ҳаме парваронидам андар канор,

Ки бо душманам теғбозӣ кунед,
Бад-ин гуна дар ҷанг тозӣ кунед.[2]

Бикӯшеду ҳампушт ҷанг оваред,
Ҷаҳонро ба Ковус танг оваред!

Ялонро ба жӯпину ханҷар занед,
Сари саркашонро зи тан барканед!*[3]

Ҳамон Рустами сагзии шердил,
Ки аз теғи ӯ гашт гардун хиҷил,

Бувад, к-аз далерӣ ба банд оваред,
Сарашро ба доми каманд оваред.[4]

Ҳар он кас, ки ӯро бо дашти набард
Зи зини паланг андарорад ба гард,

Бад-ӯ шоҳиву чатру духтар[5] диҳам,
Ҳамаш номи испаҳбадӣ барниҳам.[6]

Ҳамон шаҳри Эрон супорам варо,
Ба гардуни гардон барорам варо».

---

1. М – Сипаҳдори Турон чу.
2. Л – б. 397, 398 нест.
3. М – Далерон-шро сар ба сар афканд.
4. Л– б. 400-402 нест.
5. И – духтари худ.
6. ИЛ – Ҳамаш ном шоҳу сипаҳбуд ниҳам.

www.sattor.com

Чу туркон шуниданд гуфтори ӯй,
Саросар сӯи разм карданд рӯй,[1]

Далерони Эрон саросар сарон
Ба даст- андарун гурзҳои гарон

Бикуштанд чандон зи туронгурӯҳ,
Ки пайдо набуд дашту дарёву кӯҳ.

Ду баҳра зи туронсипаҳ кушта шуд,
Зи хуншон замин чун гил оғушта шуд.

Сари бахти туркон даромад ба хоб,
Гурезон шуд аз Рустам Афросиёб.

Бишуд тез бо лашкари ғуриён,
Бад-он суд ҷустан сар омад зиён.

Чу гашти[2] замона бад-он гуна дид,
Аз он ҷо сӯи шаҳри Турон кашид.

Дилаш хаставу кушта лашкар ду баҳр,
Ҳаме нӯш ҷуст аз ҷаҳон, ёфт заҳр.

ОРОСТАНИ КОВУС ҶАҲОНРО

Биёмад сӯи Порс Ковуси кай,
Ҷаҳоне ба шодӣ нав афканд[3] пай.

Биёрост тахту бигустард дод,
Ба шодиву хӯрдан дар андар кушод.

Фиристод ҳар сӯ яке паҳлавон,
Ҷаҳондору бедору равшанравон,

1. ТПЗ– Дамид оташе андар он корзор,
Ки шӯълаш синон буду ханҷар шарор.
Ҳамон гард баррафт монанди дуд,
Зи осеб рухсораи маҳ шахуд.
2. ИЛ – равшан.
3. Л – барафканд.

www.sattor.com

Ба Марву Нишопуру Балху Ҳарӣ,
Фиристод бар ҳар сӯе*[1] лашкаре.

Ҷаҳоне пур аз дод шуд яксара,
Ҳаме рӯй баргошт гург аз бара.

Зи бас ганҷу зебоиву фарраҳӣ
Парӣ мардуму дев гашташ[2] раҳӣ.

Ҳама пеши Ковус кеҳтар шуданд,
Ҳама тоҷдорон-ш лашкар шуданд.

Ҷаҳонпаҳлавонӣ ба Рустам супурд,
Ҳама рӯзгори беҳӣ з-ӯ шумурд.[3]

Яке ҷой кард андар Албурзкӯҳ,
Ки дев аз чунон ранҷҳо буд[4] сутӯҳ.

Бифармуд, то санги хоро кананд,
Ду хона бар ӯ ҳар яке даҳ каманд.

Биёрост охур ба санг-андарун,
Зи пӯлод меху зи хоро[5] сутун.

Бибастанд аспони ҷангӣ дар[6] ӯй,
Ҳам уштур иморикашу роҳҷӯй.

Яке хонаро[7] з-обгина бисохт,
Забарҷад ба ҳар ҷой - андар нишохт.

Чунин ҷой будаш[8] хирому х(в)ариш
Ки бошад-ш[9] аз хӯрданӣ парвариш.

---

1. М – ҳар сӯ яке.
2. ИЛ – гашта.
3. ТПЗ– Чу эмин шуд аз душману тоҷу тахт,
Ба кажжӣ ба як лахт баргашт бахт.
Нигар, то чӣ кард он шаҳи хешкор,
Чу ӯ пурманиш кам бувад шаҳрёр.
4. ИЛ – Ки девон аз он ранҷҳо шуд.
5. И – оҳан.
6. Л – Набиштанд аспони ҷанг андар.
7. ИЛ – Ду хона дигар.
8. И – Чунин ҷои орому хобу; Л – чунин ҷои ҳоҷат.
9. Ил – Ки ёбад тан.

www.sattor.com

Зи ҷизъе ямонӣ яке гунбаде
Нишастангаҳи номвар мӯбаде.

Азеро чунин ҷойгаҳ кард рост,
Ки дониш аз он ҷой ҳаргиз нахост.[1]

Ду хона зи баҳри салеҳи набард
Бифармуд аз нуқраи хом кард.

Яке кохи заррин зи баҳри нишаст,
Баровард болошро бар ду шаст.

Зи пирӯза карда бар ӯ-бар нигор,
Дар айвон-ш ёқут бурда ба кор.

Чунин ҷойгоҳе ки дилхострост,[2]
Ки рӯзӣ бияфзуду[3] ҳаргиз[4] накост.

Набудӣ тамуз эч пайдо, на дай,
Ҳаво анбарин буду борон-ш май.

Ҳамасола рӯзаш баҳорон будӣ,
Гулон чун рухи гулъизорон будӣ.

Зи дарду ғаму ранҷ дил дур буд,
Бадиро тани дев ранҷур буд.

Ба хоб андаромад сари рӯзгор
Зи хубиву аз доди[5] омӯзгор.

Ба ранҷаш гирифтор девон буданд,[6]
Зи бодафраҳи вай ғиревон буданд.[7]

1. ИЛ – б. 427-429 нест.
2. ИЛТП – Чунин ҷойгаҳ сохт бар хатти рост.
3. И – наяфзуду.
4. Л – Ки рӯзе наяфзуду рӯзе; ТПЗ – Ки не рӯз афзуду не шаб бикост.
5. Л – роҳи.
6. ИЛ – будӣ.
7. ИЛ – будӣ.

www.sattor.com

ГУМРОҲ КАРДАНИ ИБЛИС КОВУСРО ВА БА ОСМОН РАФТАНИ КОВУС

Чунон буд, ки иблис рӯзе пагоҳ
Яке анҷуман кард пинҳон зи шоҳ.

Ба девон чунин гуфт, к-имрӯз кор
Ба ранҷу ба сахтист бо шаҳрёр.

Яке дев бояд кунун чарбдаст,[1]
Ки донад ҳама расму роҳи[2] нишаст.

Шавад, ҷони Ковус бераҳ кунад,
Ба девон-бар ин ранҷ кӯтаҳ кунад.

Бигардонадаш сар зи Яздони пок,
Фишонад бар он фарри зебош[3] хок.

Шуниданду бар дил гирифтанд ёд,
Кас аз бими Ковус посух надод.

Яке деви дижхим бар пой хост,
Чунин гуфт, к-ин нағзкорӣ
марост.

Бигардонамаш сар зи дини Худой,
Кас ин роз ҷуз ман наёрад ба ҷой.[4]

Ғуломе биёрост аз хештан
Сухангӯю шоистаи анҷуман.

Ҳаме буд, то номвар шаҳрёр
Зи паҳлӯ бурун рафт[5]*[6] баҳри шикор.

Биёмад ба пешаш, замин бӯс дод,
Яке дастаи гул ба Ковус дод.

1. ИЛМ –нағздаст.
2. ИЛ – зи ҳар гуна рою.
3. Л – фарши дебош.
4. ИЛ – б. 446 нест.
5. ИЛ – шуд.
6. М – Ки рӯзе бурун шуд зи.

www.sattor.com

Чунин гуфт, к-ин фарри зебои ту,
Ҳаме чархи гардон сазад ҷои ту.

Ба коми ту шуд рӯи гетӣ ҳама,
Шубониву гарданфарозон рама.[1]

Яке кор мондаст, то дар ҷаҳон
Нишони ту ҳаргиз нагардад ниҳон.

Чӣ дорад ҳаме офтоб аз ту роз,
Ки чун гардад андар нишебу фароз?[2]

Чӣ гуна-ст моҳу шабу рӯз чист?
Бар ин гардиши чарх солор кист?[3]

Гирифтӣ замин в-он чи буд коми ту,
Шавад осмон низ дар доми ту.[4]

Дили шоҳ аз он дев бероҳ шуд,
Равонаш зи андеша кӯтоҳ шуд.

Гумонаш чунон буд, ки гардонсипеҳр
Ба гетӣ маро-дар[5] намудаст чеҳр.

Надонист, к-ин чархро поя нест,
Ситора фаровону Эзад якест.

Ҳама зери[6] фармон-ш бечораанд,
Ки бо шӯришу ҷангу[7] патёраанд.

Ҷаҳонофарин бениёз аст аз ин,
Зи баҳри ту бояд сипеҳру[8] замин.

---

1. ТПЗ – Парӣ одамӣ, дев пешат ба пой,
Ту Ҷамшед гаштӣ, ҷаҳонкадхудой.
2. И – б. 452, 453 нест.
3. ТПЗ– Бидонӣ ҳама буданиҳову роз,
Чу бо чора бартар шавӣ бар фароз.
4. ИЛ – б. 455 нест.
5. ИЛ – мар ӯро.
6. И – пеши.
7. ИЛ – Ки бо саъду наҳсанд.
8. Л – замону.

www.sattor.com

Пурандеша шуд ҷони он подшо,
Ки то чун шавад бепар андар ҳаво.

Зи донандагон бас[1] бипурсид шоҳ,
К-аз ин хок чанд аст то чарху моҳ.

Ситорашумар гуфту хусрав шунид,
Яке кажжу нохуб чора гузид.

Бифармуд пас, то[2] ба ҳангоми хоб
Бирафтанд сӯи нишеми уқоб.

Аз он бачча бисёр бардоштанд,
Ба ҳар хонае як-ду[3] бигзоштанд.

Ҳаме парваронидашон солу моҳ
Ба мурғу кабобу бара чанд гоҳ.

Чу нерӯ гирифтанд ҳар як чу шер,
Бар он сон, ки ғурм андароранд зер.

Зи уди қуморӣ яке тахт кард,
Сари тахтаҳоро ба зар сахт кард.

Ба паҳлӯш-бар найзаҳои дароз
Бубасту бар он гуна баркард соз.

Биёвехт бар найза рони[4] бара,
Бубаст андар андеша дил яксара.

Аз он пас уқоби диловар чаҳор
Биёварду бар тахт баст устувор.

Нишаст аз бари тахт Ковуси кай,
Ниҳода ба пеш -андарун ҷоми май[5].

Чу шуд гурсуна тезпаррон уқоб,
Сӯи гӯшт карданд ҳар як шитоб.

1. И – пас.
2. Л – аз он пас.
3. ИЛ – хонае дур.
4. И – он найзаро бо.
5. И – б. 472 нест.

www.sattor.com

Зи рӯи замин тахт бардоштанд,
Зи ҳомун ба абр-андар афроштанд.

Бад-он ҳад, ки –шон буд нерӯ ба ҷой,
Сӯи гӯшт карданд оҳангу рой.

Шунидам, ки Ковус аз он бар фалак
Ҳаме рафт, то бигзарад аз[1] малак.

Дигар*[2] гуфт аз он рафт бар осмон,
Ки то ҷанг созад ба тиру камон.

Зи ҳар гунае ҳаст овози[3] ин,
Надонад ба ҷуз пурхирад рози ин.

Париданд бисёру монданд боз,
Чунин бошад он кас, ки гирад-ш оз.

Чу бо мурғи парранда неру намонд,
Ғамин[4] гашту парҳо ба хай дарнишонд.

Нагунсор гаштанд аз абри сиёҳ.
Кашон аз ҳаво найзаву тахти шоҳ.

Сӯи бешаи шаҳри Чин омаданд,
Ба Омул ба рӯи замин омаданд.

Накардаш табоҳ аз шигифтӣ ҷаҳон,
Ҳаме буданӣ дошт андар ниҳон.

Сиёвуш аз ӯ хост омад падид,
Бибоист лахте ҷамиду ҷарид.[5]

---

1. И – баррасид бар.
2. М – Яке.
3. ИЛ – овоз аз.
4. ИЛ – ғамӣ.
5. И – б. 484 нест;
   ТПЗ– Агар шоҳ Ковус гаштӣ табоҳ,
   Ҷаҳондор хусрав набудӣ зи шоҳ.
   Чу афтод андар чунон ҷои бим
   Зи ғам буд бечораву дил дуним.

www.sattor.com

Ба ҷои бузургиву тахти нишаст
Пушаймониву ранҷ будаш ба даст.

Бимонда ба беша-дарун хору зор,
Ниёиш ҳаме кард бо кирдгор.

БОЗ ОВАРДАНИ РУСТАМ КОВУСРО

Ҳаме кард пӯзиш зи карда гуноҳ,
Варо мебиҷустанд*[1] ҳар сӯ сипоҳ.

Хабар ёфт з-ӯ Рустаму Геву Тус,
Бирафтанд бо лашкари гашну кӯс.

Ба Рустам чунин гуфт Гударзи пир,
Ки «То кард модар маро сер шир,

Ҳаме бинам андар ҷаҳон тоҷу тахт,
Каёну бузургони бедорбахт.

Чу Ковус худкома[2] андар ҷаҳон
Надидам касе аз кеҳону меҳон.

Хирад нест ӯро, на дину[3] на рой,
На ҳушаш ба ҷой асту на дил ба ҷой.

Ту гӯӣ ба сар-ш-андарун мағз нест,
Як андешаи ӯ ҳаме нағз нест.

Кас аз номдорони пешинзамон
Накарданд оҳанг зӣ осмон.[4]

Чу девонагон аст беҳушу рой,
Ба ҳар бод, к-ояд биҷунбад зи ҷой».[5]*[6]

1. М – Ҳаме ҷуст ӯро зи.
2. ИЛ – нашнидам.
3. ИЛ – дониш.
4. ТПЗ– Кӣ ҷӯяд ҳаме рози гардонсипеҳр?
Магар он ки деваш кунад тирачеҳр.
5. Л – б. 493 – 495 нест.
6. М – барояд зи пой.

www.sattor.com

Расиданд пас паҳлавонон бад-ӯй,
Накӯҳишкуну тезу пархошҷӯй.

Бад-ӯ гуфт Гударз: «Беморсон
Туро ҷои зеботар аз шорсон.

Ба душман диҳӣ ҳар замон ҷои хеш,
Нагӯӣ ба кас беҳуда рои хеш.

Се борат чунин ранҷу сахтӣ фитод,
Сарат з-озмоиш нагашт устод.

Кашидӣ сипаҳро ба Мозандарон,
Нигар, то чӣ сахтӣ расид андар он.

Дигарбора меҳмони душман шудӣ,
Санам будӣ ӯро, бараҳман шудӣ.

Ба гетӣ ҷуз аз покяздон намонд,
Ки маншури теғи туро барнахонд.

Ба ҷанги замин сар ба сар тохтӣ,
Кунун б-осмон[1] низ пардохтӣ.

Зи як даст чун бартар ой ҳаме,
Баробар ба ҷанг андарой ҳаме.

Нигаҳ кун, ки то чанд гуна бало
Ба пеш омадат, ёфтӣ з-ӯ раҳо.

Пас аз ту бар ин достонҳо зананд,
Ки шоҳе баромад ба чархи баланд,

Ки то моҳу хуршедро бингарад,
Ситора ҳама як ба як бишмарад.

Чунон кун, ки бедоршоҳон кунанд,
Ситояндаву некхоҳон кунанд.

Ҷуз аз бандагӣ то тавонӣ, маҷӯй,
Мазан даст дар неку бад ҷуз бад-ӯй».

1. ИЛ – осмон.

www.sattor.com

Фурӯ монд Ковусу ташвир х(в)ард.
Аз он номдорону мардони мард.

Чунин дод посух, ки аз ростӣ
Наёяд ба дод[1]- андарун костӣ.

Ҳама дод гуфтиву бедод нест,
Зи доми ту ҷони ман озод нест.

Ҳаме рехт аз дидагон оби зард,
Ҳаме[2] аз ҷаҳонофарин ёд кард.

Басечиду андар имορӣ нишаст,
Пушаймониву дард будаш[3] ба даст.

Чу омад сӯи тахтгоҳи баланд,
Дилаш з-он чунон кор монда нажанд.

Чиҳил рӯз дар назди[4] Яздон ба пой
Бипаймуд хоку бипардохт ҷой.

Зи шарм аз дари кох берун нарафт,
Ҳаме пӯст гуфтӣ бар ӯ - бар бикафт.

Ҳаме рехт бо лоба аз дида хун,
Ҳаме хост омурзиш аз раҳнамун.

Зи шарми далерон маниш кард паст,
Хирому дари бор додан бубаст.

Пушаймон шуду дард бигзиду ранҷ,
Ниҳода бубахшид бисёр ганҷ.

Ҳаме рух бимолид бар тирахок
Ниёишкунон пеши[5] Яздони пок.

Чу бугзашт якчанд гирён чунин,
Бубахшуд бар вай ҷаҳонофарин.

1. Л – Наёбад ба кор.
2. ЛМ – Басе.
3. Л – мондаш.
4. Л – пеши.
5. И – назди.

www.sattor.com

Пароканда омад зи ҳар сӯ сипоҳ
Ба наздики даргоҳи Ковусшоҳ.

Барафрӯхт з-омурзиши додгар,
Бидонист, к-аз ранҷҳо ёфт бар.

Нишаст аз бари тахти зар бо кулоҳ,
Яке ганҷ букшод дар бар[1] сипоҳ.

Яке кори нав сохт андар ҷаҳон,
Ки тобанда шуд бар кеҳону меҳон.

Ҷаҳон гуфтӣ аз дод дебо шудаст,
Шаҳаншоҳ бар гоҳ зебо шудаст.

Зи ҳар кишваре номвар меҳтаре,
Ки бар сар ниҳодӣ баланд афсаре,

Ба даргоҳи Ковусшоҳ омаданд,
В-аз он сар кашидан ба роҳ омаданд.

Замона чунон шуд, ки буд аз нахуст,
Ба меҳру*[2] вафо тоҷи хусрав бишуст.

Ҳама меҳтарон кеҳтари ӯ шуданд,
Парастандаву чокари ӯ шуданд.

Нишаст аз бари тахти гавҳарнигор
Або тоҷу бо гурзаи говсар.[3]

Дар ин достон гуфтам, он кам шунуд,
Чунин ёд ҳаргиз касеро набуд.[4]

Чунин буд оини шоҳи ҷаҳон,
Чунин буд Рустам сари[5] паҳлавон.

---

1. Л – пеши.
2. М – оби.
3. ТПЗ– Ба коми дили хеш бардошт гом,
   Шуда шоддил, ёфта кому ном.
4. Л – Кунун разми Рустам бибояд суруд; И – Чунин разм ҳаргиз касеро набуд.
5. Л – Ки Рустам бувад бар ҳама.

www.sattor.com

Куҷо подшо додгар буду бас,
Ниёзаш набудӣ ба фарёдрас.

Ҳама дод карду ҳама дод дид,
Азеро ки гетӣ ҳама бод дид.[1]

ДОСТОНИ ҶАНГИ ҲАФТ ГУРДОН

Чу бо марг кӯшиш надорад-т суд,
Кунун расми[2] Рустам бибояд шунуд.

Чӣ гуфт он сароянда марди далер,
Ки ногаҳ баровехт бо наррашер,

Ки гар номи мардӣ биҷӯӣ ҳаме,
Ба хун[3] теғи ҳиндӣ бишӯӣ ҳаме,

Зи бадҳо набояд-т парҳез кард,
Чу пеш оядат рӯзгори набард.

Замона чу ояд*[4] ба тангӣ фароз,
Ҳамоно нагардад ба парҳез боз.

Чу ҳамраҳ кунӣ маргро[5] бо хирад,
Далерат зи ҷанговарон нашмарад.

Хирадрову динро раҳе дигар аст,
Суханҳои некӯ ба банд-андар аст.[6]

---

1. ТПЗ– Ҳама коми худ баргирифт аз ҷаҳон,
Або номдорону фаррух меҳон.
Ҳама базму майдон будӣ кори ӯй,
Чу Тусу чу Рустам будӣ ёри ӯй.
Фаридунманиш буду Ҷамшедҷоҳ,
Набинад чу ӯ подшо тоҷу гоҳ.
Гар акнун будӣ, бандагиро камар
Бубастӣ бари шоҳ Маҳмуд-бар.
2. И – разм.
3. Л – рухи.
4. М – омад.
5. Л – ҷангро.
6. ТПЗ– Маро умр бар шаст шуд солиён,
Ба ранҷу ба сахтӣ бубастам миён.

www.sattor.com

Кунун аз раҳи Рустами ҷангҷӯй
Яке достон аст борангу бӯй.

Шунидам, ки рӯзе гави пилтан
Яке сур кард аз дари анҷуман.

Ба ҷое куҷо номи ӯ буд Наванд,
Бад-ӯ андарун коххои баланд.

Куҷо озари бурзи[1] Барзин, кунун
Бад-он ҷо фурӯзад ҳаме раҳнамун.

Бузургони Эрон бад-он базмгоҳ
Шаванд анҷуман номвар як сипоҳ.

Чу Тусу чу Гударзи Кашводагон,
Чу Баҳрому чун Геви озодагон.

Чу Гургину чун Зангаи Шоварон,
Чу Густаҳму Харроди ҷанговарон.

Або ҳар як аз меҳтарон мард чанд,
Яке лашкари номдор арҷманд.[2]

Наёсуд лашкар замоне зи кор,
Зи чавгону тиру набиду шикор.

Чу чанде бад-ин сон гузар кард рӯз,
Ба шодиву ромиш ҳама дилфурӯз.[3]

Ба мастӣ чунин гуфт як рӯз Гев,
Ба Рустам, ки «Эй номбардори Нев,

Гаҳи рафтан омад ба дигар сарой,
Магар назди Яздон беҳ ояд-м ҷой.
Чунонам, ки гӯӣ надида ҷаҳон,
Ҳама кардаҳои гузашта ниҳон.
Чу мебугзарад рӯзгори беҳӣ,
Ҳамон беҳ, ки ранҷе ба худ барниҳӣ.

1. Л – тези.
2. ТПЗ– Баророст Рустам яке ҷашнгоҳ,
Ки базм орзу кард хуршеду моҳ.
3. ИЛ –б. 554 нест.

www.sattor.com

Гар эдун, ки рои шикор оядат,
Чу юзи даванда ба кор оядат.

Ба наҳчиргоҳи рад Афросиёб
Бипӯшем тобон рухи офтоб.

Зи гарди саворону аз юзу боз
Фарозидани найзаҳои дароз.

Ба гӯри таковар саманд[1] афканем,
Ба шамшер бар шер банд афканем.[2]

Ба жӯпин гурозу тазарвон ба боз
Бигирем яксар ба рӯзи дароз.

Бар он дашти Турон шикоре кунем,
Ки андар ҷаҳон ёдгоре кунем.»[3]

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Бо[4] коми ту
Ҷаҳон боду некӣ саранҷоми ту.

Саҳаргаҳ бад-он дашти Турон шавем,
Зи нахчиру аз тохтан нағнавем.»[5]

Бибуданд яксар бар ин як сухун,
Касе рои дигар наяфканд бун.[6]

---

1. ИЛ – каманд.
2. ТПЗ– Ба нахчир кардан ба дашти дағӯй
Або бозу юзон ба нахҷирҷӯй.
3. ТПЗ– Чунин рой бинам мани паҳлавон,
Агар дарпазирӣ ба равшанравон,
Ки аз хусравон ҳар ки ин бингарад,
Бад –ин коми мо офарин густарад.
4. ИЛ – бар.
5. ТПЗ– Ҳамин аст рой, эй гави номдор,
Ҷаҳонро бимонем як ёдгор.
Чу фардо шавад чоки рӯз ошкор.
Сазад гар бад-он ҷой ҷӯӣ шикор.
Маю ҷому нахчир барҳам занем,
Дамодам набиди дамодам занем.
6. ТПЗ– Фуруд омаданд то лаби рӯдвор,
Чунон сархуш аз бодаи хушгувор.

www.sattor.com

Саҳаргаҳ чу аз хоб бархостанд,
Бар он орзу рафтан оростанд.

Бирафтанд бо юзу бозону маҳд
Гурозону тозон сӯи[1] рӯди Шаҳд.

Ба нахчиргоҳи рад Афросиёб,
Зи як даст кӯҳу дигар рӯди об.

Дигар сӯ Сарахсу биёбон ба пеш,
Гала гашта бар дашт оҳуву меш.

Ҳама дашт пурхиргаҳу хайма гашт,
Аз анбӯҳ оҳу саросема гашт.[2]

Зи дарранда шерон замин шуд тиҳӣ,
Ба парранда мурғон расид огаҳӣ.

Тале ҳар сӯе мурғу нахчир буд,
Агар кушта, гар хастаи тир буд.[3]

---

1. Л – то.
2. ТПЗ – Бирафтанд аз он пас ба нахчиргоҳ
Ҳама базмҷӯю ҳама размхоҳ.
Куҳу дашт нахчир бардоштанд,
Зи гардун ҳаме наъра бигзоштанд.
3. ТПЗ– Зи шоҳи гавазнон рама дар рама
Замин бешае гашт очин ҳама.
Зи бозон ҳаво ҳамчу абри баҳор
Зи хуни тазарвон замин лолазор.
Дамон бозу юзон бар оҳубара,
Камин сохта бар кӯҳу бар дара.
Ба новард ҳар ҷой харгӯшу саг,
Сутурон ба хай ғарқ монда зи таг,
Гирифта сӯи кабк шоҳин шитоб.
Зи хун карда чангул ақиқин уқоб.
Фитода ғави табли туғрал ба абр,
Гурезон зи гарди саворон ҳизабр.
Зи куҳ дидбон наъра бардошта,
Каминоварон гӯш бифрошта.
Ниҳода ба оҳу сияҳгӯш чашм,
Ҷаҳон чун дурахш, аз камингаҳ ба хашм.
Ба ҳар сӯ яке номдор аз сарон,
Фигандӣ зи гӯру зи оҳу сарон.
Сипаҳдор бо ҳамла бо шеру карг,
Зи пайкон ҳаме рехт алмоси марг,

www.sattor.com

Бибуданд равшандилу шодмон,
Зи ханда наёсуд лаб як замон.[1]

Чу як ҳафта з-ин гуна бо май ба даст,
Бибуданд шодондилу майпараст,

Ба ҳаштум Таҳамтан биёмад пагоҳ,
Яке рои шоиста зад бо сипоҳ.

Чунин гуфт бо номвар меҳтарон,
Бузургону гарданкашону сарон,[2]

Ки «Аз мо ба Афросиёб ин замон
Ҳамоно шуда[3] огаҳӣ бегумон.

Набояд, ки он римани баднишон
Занад рой бо номвар саркашон.[4]

Яке чора созад, биёяд ба ҷанг,
Кунад дашти нахчир бар юз танг.

Бибояд талоя ба раҳ- бар яке,
Ки чун огаҳӣ ёбад ӯ андаке.

Гаҳ афканд нахчир бар дашту роғ,
Гаҳе зад ба новак абар меғ моғ.
Сари гӯр буд аз камандаш ба дом,
Дили шер шамшери ӯро ниём.
Бияфканд бас гӯри ҷангӣ зи тир,
Дили ташнаҳомун зи хун карда сер.
Пур аз хуррамӣ буд равони меҳон
Аз овози мурғу таки оҳувон.

1. Л– Набуданд эшон ҳазин як замон,
Бар он дашт равшандилу шодмон.
И– Бибурданд он сон ҷаҳон як замон,
Бар он дашт равшандилу шодмон;
ТПЗ– Сӯи базмгаҳ боз рафтанд шод,
Зи базму зи нахчир доданд дод.
Нишастанду ромиш бароростанд,
Зи дилҳо ғаму ранҷ даркостанд,
Ба каф ҷому бар гӯш бонги рубоб,
Бар оташ сурини гавазнон кабоб.
2. ИЛ – гарданкашу сарварон.
3. Л – расид.
4. ИЛ – б. 577 нест.

www.sattor.com

Биёяд, диҳад огаҳӣ аз сипоҳ,
Набояд, ки гирад[1] бадандеш роҳ.

Гуроза сари тухмаи гевгон,
Биёмад бад-он кор бастамиён.[2]

Сипаҳро ки чун ӯ нигаҳдор буд,
Ҳама чораи душманон хор буд.

Ба нахчир кардан ниҳоданд рӯй,
Накарданд кас ёди пархошҷӯй.

Пас огоҳӣ омад ба Афросиёб
Аз эшон шаби тира ҳангоми хоб.

Зи лашкар ҷаҳондидагонро бихонд,
Зи Рустам басе достонҳо биронд.

В-аз он ҳафт гурди савори далер,
Ки буданд ҳар як ба кирдори шер[3],

Чунин гуфт бо номдорони ҷанг,
Ки «Моро кунун нест ҷои диранг.

Бибояд кунун чорае сохтан,
Ба ногоҳ бурдан яке тохтан.

Гар ин[4] ҳафт ялро[5] ба ҷанг оварем,
Ҷаҳон пеши Ковус танг оварем.

---

1. Л – орад.
2. Л– Гуроза ба зеҳ барниҳода камон,
Биёмад бар ин кор баста миён.
ТПЗ– Чунин гуфт бо номвар паҳлавон,
Ки ман рафт хоҳам ба равшан равон.
Бад –ӯ гуфт Рустам, ки эй номдор,
Бирав тозиён то лаби рӯдбор.
Ба пос андар он роҳ бедор бош,
Сипаҳро ҳаме худ нигаҳдор бош!
Гуроза шуд он номбардор шер
Або чанд номӣ савори далер.
3. ТПЗ– В-аз он пас ба лашкар саросар бигуфт,
Ки моро фитодаст коре шигифт.
4. И – ки он.
5. Л – ҳафтро як.

www.sattor.com

Ба кирдори нахчир бояд шудан,
Сипаҳро ба ногаҳ бар эшон задан.»[1]

Гузин кард шамшерзан сӣ ҳазор,
Ҳама номдор аз дари корзор.

Чунин гуфт, к-«Аз роҳ яксӯ шавед,
Шабу рӯз аз тохтан нағнавед!»

Ба роҳи биёбон бурун тохтанд,
Ҳама ҷангро гардан афрохтанд.

Ба ҳар сӯ фиристод бемар сипоҳ,
Бар он саркашон то бигиранд роҳ.

Чу наздики нахчиргоҳ омаданд,
Шитобон ҳама кинахоҳ[2] омаданд.[3]

Нигаҳ кард, яксар бидид он сипоҳ,
Сипоҳе, ки буд ҳамчу абри сиёҳ.

Бидидаш, ки аз дашт бархост гард,
Дурафше падид омад аз лоҷвард.

Гуроза чу боди дамон бозгашт,
Або наъраву бонгу овоз гашт.

Чу омад ба наздики нахчиргоҳ,
Таҳамтан ҳаме хӯрд май бо сипоҳ.

Чунин гуфт, к-«Эй Рустами шермард,
Аз эдар бад-ин хуррамӣ бозгард!

Ки чандон сипоҳ аст, к-андоза нест,
Зи лашкар баландиву ҳомун якест.

---

1. ТПЗ – Радону саворони туронсипоҳ
Бад-он раъй гаштанд ҳамрои шоҳ.
2. И – Пур аз кин дилу додхоҳ.
3. ТПЗИЛ – Гуроза чу гарди сипаҳро бидид,
Биёмад, сипаҳро ҳама бингарид.

www.sattor.com

Дурафши ҷафопеша Афросиёб
Ҳаме тобад аз гард чун офтоб.»

Чу бишнид Рустам, бихандид сахт,
Бад-ӯ гуфт: «Бо мост пирӯз бахт.

Ту аз шоҳи туркон чӣ тарсӣ чунин
Зи гарди саворони Туронзамин?

Сипоҳаш фузун нест аз сад ҳазор,
Инонпечу баргустувонвар савор.

Бад-ин дашт агар вижа танҳо манам,
Ки бо гурзу бо Рахшу бо ҷавшанам,

Набошад пас андеша з-Афросиёб,
В-аз он лашкари гашну чандон шитоб.[1]

Бад-ин дашти кина гар аз мо якест,
Ҳама хайли Турон ба ҷанг андакест.

Чунин кинагоҳе бибояд маро,
Аз Эрон сипоҳе набояд маро.

Шуда ҳафт гурди савор анҷуман,
Чунин номдорони шамшерзан.

Яке мард бо понсаду ду ҳазор
Саворони аспафкану найзадор.[2]

Ту, эй майгусор, аз маи зобулӣ
Бипаймой то сар яке булбулӣ».

Бипаймуд соқӣ маю дод зуд,
Таҳамтан шуд аз доданаш шод зуд.

---

1. ИЛ – б. 607 нест.
2. Л– Яке понсаду ду зи мо бо ҳазор
Саворони гарданкаши номдор.
ТПЗ– Агар номвар сарвар Афросиёб
Ҳаме рой ҷӯяд бад-ин рӯи об,
Ҳамоно, ки баргашт аз ӯ рӯзгор,
Гар ояд ба эдар мар он номдор.

www.sattor.com

Ба каф барниҳод он дурахшанда ҷом,
Нахустин зи Ковуси кай бурд ном,

Ки шоҳи замона маро ёд бод!
Ҳамеша тану ҷонаш обод бод!*[1]

Дигарбора бистад, замин дод бӯс,
Чунин гуфт, к-ин бода бар рӯи Тус.[2]

Сарони ҷаҳондор бархостанд,
Абар[3] паҳлавон хоҳиш оростанд,

Ки моро бад-ин ҷоми май ҷой нест,
Ба май бо ту иблисро пой нест.

Маю гурзи якзахму майдони ҷанг
Наёмад ҷуз аз ту касеро ба чанг.

Маи зобулӣ сурх дар ҷоми зард
Таҳамтан ба рӯи Завора бих(в)ард.

Завора чу соғар ба каф барниҳод,
Ҳамон аз шаҳи номвар кард ёд.

Бихӯрду бибӯсид рӯи замин,
Таҳамтан бар ӯ баргирифт офарин,

Ки ҷоми бародар бародар х(в)арад,
Ҳизабр он ки ӯ[4] ҷоми май бишкарад.[5]

РАЗМИ РУСТАМ БО ТУРОНИЁН

Чунин гуфт пас Гев бо паҳлавон,
Ки «Эй нозиши шаҳрёру гавон.

1. М – Бигуфту бихӯрду замин бӯса дод.
2. ИЛ – б. 616 нест.
3. И – Бари.
4. Л – ин.
5. ТП – Зи багмозу ромиш накард эч кам,
Ба шодӣ бияфзуду коҳид ғам.

www.sattor.com

Шавам, раҳ бигирам бар Афросиёб,
Намонам, ки ояд бад-он рӯи об.

Сари пул бигирам бад-он бадгумон,
Бидорам-ш аз он рӯи[1] пул як замон.

Бад-он то бипӯшанд гурдон салеҳ[2]
Ки бар мо сар омад нишоту мазеҳ"[3].

Бишуд тозиён то сари пул дамон,
Ба зеҳ барниҳода ду зоғи камон.

Чунин то ба наздикии пул расид,
Чу омад, дирафши ҷафопеша дид,

Ки бигзашта будаш бар ин рӯи об,
Ба пеши сипоҳ-андар[4] Афросиёб.[5]

Таҳамтан бипӯшид бабри баён,
Нишаст аз бари жандапили[6] жиён.

Бишуд пеши туронсипаҳ ӯ ба ҷанг,
Биғуррид ҳамчун даманда наҳанг.

Чу дар ҷавшан Афросиёбаш бидид,
Ту гуфтӣ, ки ҳуш аз танаш барпарид,[7]

Зи чангу бару бозуву ёли ӯй,
Ба гардан баровардa[8] кӯполи ӯй.

Чу Тусу чу Гударзи найзагузор,
Чу Гургину чун Геви гурди савор.

---

1. ИЛ - сӯи.
2. И - силоҳ.
3. И - мазоҳ.
4. Л - омад.
5. ТПЗ - Фиристодае кард геви сутург
Ба огоҳии паҳлавони бузург.
6. И - Рахши шери.
7. И - парид.
8. ИЛ - бар он ҳавлӣ.

www.sattor.com

Чу Баҳрому чун Зангаи Шоварон,
Чу Барзину Фарҳоди ҷанговарон.[1]

Чунон лашкари сарфарозон ба ҷанг,
Ҳама найзаву теғи ҳиндӣ ба чанг.

Ҳама яксар аз ҷой бархостанд,
Ба сони палангон баоростанд.[2]

Бад-он гуна шуд Гев дар корзор,
Чу шере, ки гум карда бошад шикор.[3]

Пасу пеш ҳар сӯ ҳаме кӯфт гурз.
Дуто кард бисёр болову бурз.

Зи Турон фаровон сарон кушта шуд,
Зи номоварон бахт баргашта шуд.

Рамиданд аз ӯ размсозони Чин,
Шуд хира солори Туронзамин.[4]

---

1. Л - б. 636 нест.
2. ТПЗ– Бифармуд, то бӯқу кӯси набард
Заданду ба разм-андарун ҳамла кард.
Кашиданд шамшеру жӯпину гурз
Диловар саворони бо фарру бурз.
Далерони Эрон ба кӯшиш - дарун
Бару ёлу бора ҳама ғарқи хун.
3. Л– Зи Рустам натарсид Афросиёб
Накард эч бар ҷанг ҷустан шитоб.
4. И – турконзамин;
ТПЗ– Бад-он сӯ, ки Гургини Милод буд,
Ки бо гурзу бо теғи фӯлод буд.
Яке паҳлавон буд, номаш Гуразм,
Зи туронсипаҳ пешаш омад ба разм.
Биғуррид Гургин, чу ӯро бидид
Ҳамон гаҳ, ки қирбон камон баркашид
Бар он паҳлавон тирборон гирифт,
Ҳаворо чу абри баҳорон гирифт.
Гуразми диловар чу з-он гуна дид,
Сипар бар сар оварду пешаш давид.
Яке найза зад бар сари аспи ӯй,
Бияфтод Гургини пархошҷӯй.
Ҳамон гоҳ Геви диловар расид,
Нигаҳ карду ӯро пиёда бидид.

www.sattor.com

Сабук рон ба ҷанг- андарун тез кард,
Барошуфту оҳанги овез кард.[1]

Чу Рустам чунон дид, гурзи гарон
Ба гардан бароварду бифшурд рон.

Барошуфт бар сони ғурранда шер,
Яке бонг зад бар Гуразми далер.
Камарбанди ӯро гирифту зи ҷой
Биканд он ҳунарманди фархундарой.
Миёнаш ба ханҷар ба ду ним кард,
Дили сарфарозон пур аз бим кард.
Ҳам эдун сипаҳбад шаҳи нӯзарон
Ҳамекӯфтӣ сар ба гурзи гарон.
Гуроза ба сони гурози дижам
Ҳаме ҳамла овард бо тездам.
Ҳаме разм аз он гуна Гударз кард,
Ки аз ҷони туркон баровард гард.
Завора биёмад ба кирдори шер,
Ба бозу камон, аждаҳое ба зер.
Ҳаме тохт чун бод Гургини гав
Або номдорону гурдони нав.
Чу Фарҳоду Барзини номоварон
Кашиданд шамшеру гурзи гарон.
Яке наъра зад Гев дар корзор
Ба Афросиёб он шаҳи номдор,
Ки, эй турки бадбахти гумбуданом,
Чаро ранҷа гаштӣ бад-ин кори хом?
Фаромӯш кардӣ ту разми сарон?
Ки боз омадӣ бо сипоҳи гарон?
Магар огаҳ аз паҳлавонон наӣ,
Аз ин номдорони Эрон наӣ?

1. Дар 3 б. 643 пас аз б. 654 омадааст. ки ба мазмун бештар мувофиқат дорад:

ТПЗ– Сипаҳдор чун Рустаму Туси шер,
Чу Гударзу Гургин савори далер.
Ба ҳам барзананд ин сипоҳи туро,
Ба хок андароранд гоҳи туро.
В-аз он сӯ Таҳамтан чу шери жиён
Биғурриду гуфт, эй бади баднишон,
Чаро тозиён пеши ман тохтӣ?
Чунин разм бо анҷуман сохтӣ?
Ба ҷое, ки Рустам бувад кинахоҳ,
На лашкар бимонад, на тахту на шоҳ.
Маро худ набояд бад-ин ҷанг кас,
Ману Геву туроиён ҷумла бас.
Зи Турон нахонем як тан ба мард,
Ки яксар занонанд андар набард.

www.sattor.com

Ба пеши сипоҳ андаромад далер,
Биғуррид бар сони ғурранда шер.

Паси пушти ӯ пури Кашвод буд,
Ки бо ҷавшану гурзи пӯлод буд.

Саворону гурдони Эрон дамон,
Ба чанг- андарун гурзу тиру камон.[1]

Чу шуд тиратар[2] чашми туронсипоҳ,
Ба гардун барафрохт Рустам кулоҳ.[3]

Ба Пирони Виса[4] чунин гуфт шоҳ,
Ки, эй пурхирад меҳтари некхоҳ,

Бигуфт ину бифрохт бурранда теғ.
Биғуррид бар сони ғурранда меғ.
Аз он пас дигарбора овоз дод,
Ки, эй турки шӯридаи баднажод.
Ту дар ҷанги мардон писанда наӣ,
Ки пажмурдаӣ, ҳеч зинда наӣ?
Бирав чун занон панбаву дук гир!
Паси парда бо духтарон сӯк гир!
Ки кори ту акнун ба ҷое расид,
Ки аз ҷанг чангат бибояд кашид.
Бибинӣ кунун теғи мардони мард,
К-аз ин пас ба ёдат наёяд набард.
Бад-ин теғи ҳиндӣ бибуррам сарат,
Бигиряд ба ту ҷавшану миғфарат.
Чу Афросиёб ин суханҳо шунид,
Дилаш гашт пурдарду дам даркашид.
Зи Рустам битарсид Афросиёб,
Накард эч бар ҷанг ҷустан шитоб.
Паси лашкар - андар ҳаме ронд нарм,
Меҳонро зи ҳар сӯ ҳаме хонд гарм.

1. Л – б. б. 647 ин б. омада:
Зи Турон фаровон сарон кушта шуд,
Сари бахти гарданкашон гашта шуд.
ТПЗ – Баромад дурахшидани теғи тез
Замин аз ниҳеб омад андар гурез.
2. Л – бар.
3. Дар Л. ба ҷои б. 649 ин б. омада:
Зи Пирон бипурсид Афросиёб,
Ки ин ҷои разм аст, не ҷои хоб,
Ки дар разм ҷустан далерон будем,
Сиголиш гирифтему шерон будем.
4. ИЛ – В-аз он пас ба Пирон.

www.sattor.com

Зи шерони Турон ханида туӣ,
Ҷаҳонҷӯю ҳам размдида туӣ.

Инонро ба тундӣ яке баргирой,
Бирав, тез аз эшон бипардоз ҷой.

Чу пирӯзгар бошӣ, Эрон турост,
Тани пилу чанголи шерон турост.

Чу Пирон зи Афросиёб ин шунид,
Чу боди дамон аз миён бардамид.

Басечид бо номвар даҳ ҳазор
Зи туркон далерони ханҷаргузор.

Чу оташ биёмад[1] бари пилтан,
К-аз ӯ буд нерӯи ҷангу шикан.

Таҳамтан ба лабҳо баровард каф,
Ту гуфтӣ, ки бистад зи хуршед таф.

Барангехт аспу баромад хурӯш,
Бар он сон, ки дарё дарояд[2] ба ҷӯш.

Сипар бар сару теғи ҳиндӣ ба мушт,
Аз он номдорон ду баҳра бикушт.

Нигаҳ кард Афросиёб аз карон,
Чунин гуфт бо номвар меҳтарон,

Ки гар то шаб ин ҷанг ҳам[3] з-ин нишон
Миёни далерону гарданкашон

Бимонад, намонад саворе ба ҷой,
Набоист кардан бад-ин разм рой.

Ба разми далерони Эрон шудем,
Сиголиш гирифтему шерон шудем.

1. ИМ – баромад.
2. Л – барояд.
3. ИЛ – ҷангро.

www.sattor.com

Кунун дашт рӯбоҳ бинам ҳаме,
Сар аз разм[1] кӯтоҳ бинам ҳаме.

РАЗМИ ПИЛСАМ БО ЭРОНИЁН

Далере, ки буд Пилсам номи ӯй,
Гави кайнажоде, яли номҷӯй,

Ки Виса будаш номи фаррух падар,
Бародар-ш Пирони пирӯзгар.

Дар Эрону Турон ҳамоварди ӯй
Набудӣ ба ҷуз Рустами ҷангҷӯй.

Чу бишнид як Пилсам инчунин,
Бар абрӯ баровард аз хашм[2] чин.

Бишуд тез[3] наздики Афросиёб,
Сараш пур зи ҷангу дилаш пуршитоб.

Чунин гуфт бо шоҳи Турон, ки «Ман
Далеру ҷавонам аз ин анҷуман.

Чи хок аст пешам, чи Туси далер,
Чи Геви ял — он номбардори шер.

Чи Баҳрому чи Зангаи Шоварон,
Гуроза, ки ҳаст ӯ зи ҷанговарон.[4]

Агар шоҳ фармон диҳад, ҳамчу шер
Миёни ялон андароям далер

Ҳама сарваронро сар аз тан ба теғ
Бибуррам, кунам моҳашон зери меғ.

Кунам*[5] афсари номдорон ба гард,
Сароншон бибуррам ба теғи набард.»

---

1. Л – Зи разм
2. ИЛ — Даровард дар абрувон тоби.
3. ИЛ — Биёмад ба.
4. ТПЗ — Ҳамон сагзии бадраги тираҷон,
   Ки шоҳаш ситояд ҳаме ҳар замон.
5. М — Кашам

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй яли номдор,
Ту пирӯз бодӣ дар ин рӯзгор![1]

Бад- ин разм фархунда бояд шудан,
Ба пирӯзиву ном боз омадан.»[2]

Чу бишнид гуфтори шаҳ Пилсам,
Биғуррид монанди рӯина хам.[3]

Сӯи қалби эронсипаҳ шуд чу гард,
Чапу рост зад теғу гурзи набард.

Чу бод андаромад, ба Гургин расид,
Хурӯше чу шери жиён баркашид.

Яке теғ зад бар сари аспи ӯй,
Таковар зи дард андаромад ба рӯй.

Чу он дид Густаҳми размозмой,
Ба кирдори оташ баромад зи ҷой.

Чу шери жиён шуд бари Пилсам,
Баровехт бо*[4] оташи тездам.

Яке найза зад бар камарбанди ӯй,
Газанде наёмад ба пайванди ӯй.

---

1. ИЛ — 3. б. б. 675 ин б. омада:
Бад-ӯ гуфт шоҳ: Эй далери ҷавон,
Сари номдорону пушти гавон,
Ту пирӯз бодӣ бар ин корзор,
Ҳама душманони туро кор зор!
2. ТПЗ — Ки Яздони некидиҳат ёр бод!
Сари бадгумони ту бар дор бод!
Чу пӯӣ сӯи Рустами номвар,
Абар кини ӯ баст хоҳӣ камар,
Нигаҳ кун, ки дар кор риман бувад,
Бадандешу хунрезу пурфан бувад.
Магар даст ёбӣ бад-он нобакор,
К-аз ӯяст ин печиши корзор.
3. ТПЗ — Нишаст аз бари ашқаре ҳамчу бод,
Ту гуфтӣ зи размаш набуд бим ёд.
4. М — чун.

www.sattor.com

Ба даст- андараш чӯби найза шикаст,
Бияндохташ чӯби найза зи даст.[1]

Чу он дид, пас Пилсам теғи тез
Кашиду даромад дили пурситез.

Яке теғ зад бар сари тарги ӯй,
Рабуд аз сараш тарг бар сони[2] гӯй.

Бараҳна сару найза афканд хор,
Фурӯ монд бечора дар корзор.

Чу аз маймана Зангаи Шоварон
Бидид он дилу рӯзи[3] кундоварон,

Ба ёрӣ биёмад бари Густаҳам,
Варо дид аз он гуна гашта дижам.[4]

Пазируфт ҳамла диловар наҳанг,
Даромад яке теғи ҳиндӣ ба чанг.

Бизад теғу баргустувон кард чок,
Сари борагӣ андаромад ба хок.

Диловар бияфтоду доманзиреҳ
Баровирду зад бар камаргаҳ гиреҳ.[5]

Пиёда баровехт бо номдор,
Ба гирд-андараш ҳамчу шери шикор.[6]

Яке гарди тира барангехтанд,
Бад-он гаҳ ки бо ҳам даровехтанд.

Зи қалби сипаҳ Гев чун бингарид,
Ҷаҳон пеши чашми ялон тира дид.

1. Л — б. 684 нест.
2. ИЛ — монанди
3. Л — зӯри
4. ТПЗИЛ -Яке ҳамла овард бар Пилсам
Чу пили сарафрозу шери дижам.
5. Л — Камар бар.
6. ИЛ — б. 693 нест.

www.sattor.com

Биғуррид чун раъд дар кӯҳсор,
Ва ё шери ҷангӣ гаҳи корзор.

Ба ёрӣ биёмад бари ҳар се ёр,
Баровехт бо Пилсам ҳар чаҳор.

Диловар нашуд ҳеч гуна зи ранг,
Миёни далерон даромад ба ҷанг.

Гаҳе теғ зад, гоҳ гурзи гарон,
Чунин то фурӯ монд дасти сарон.

Чу Пирон зи қалби сипаҳ бингарид,
Бародар бад-он ҷой бечора дид.

Ба ёрӣ биёмад бараш тозиён,
Хурӯшону ҷӯшону наъразанон.

Чунин гуфт бо Гев, к-«Эй номдор,
Шуморо ҳунар нест дар корзор,

Ки бо номдоре ба кирдори шер
Шуда ҷангҷӯ чор гурди далер.»[1]

Бигуфт ину бар саркашон ҳамла кард,
Баромад аз он размгаҳ тира гард.

В-аз он рӯй Рустам ба кирдори шер
Миёни сипоҳ андаромад далер.

Ба теғу ба кӯполу гурзи гарон
Бияфканд туронсипаҳро сарон.[2]

Гурезанда шуд Пилсам з-аждаҳо,
Ки донист, к-аз вай наёбад раҳо.

---

1. ТПЗ — Ба наздики мардон гаҳи гирудор
Яке бо яке хуб дар корзор.

2. ТПЗ — Чу дид ончунон Пилсам ҷангҷӯй,
Бизад Рахшу омад ба наздики ӯй.
Баровехт бо Пилсам номдор,
Натобид бо ӯ диловар савор.

www.sattor.com

Далерони Эрон саросар сарон,
Ба даст- андарун гурзҳои гарон.

Бикуштанд чандон зи туронсипоҳ,
Ки аз кушта шуд пушта то чарху моҳ.

Нигаҳ кард Афросиёб, он бидид,
Яке боди сард аз ҷигар баркашид.

Бипурсид к-Алкӯси ҷангӣ куҷост,
Ки чандин ҳаме разми[1] шерон бихост?

Ба мастӣ ҳаме Гевро хостӣ,
Ҳама разм[2] бо Рустам оростӣ.

Ҳамеша аз Эрон будӣ ёди ӯй,
Куҷо шуд кунун оташу боди ӯй?

Ба Алкӯс шуд огаҳӣ з-ин сухун,
Ки солори туркон чӣ афканд бун.

Барангехт Алкӯс шабрангро,
Ба хун шуста буд бегумон ҷангро.

Биёмад дамон то ба қалби сипоҳ,
Бари шоҳи Турон бипаймуд роҳ.

Ба овоз гуфто, ки «Ҷангӣ манам,
Ҳамон наррашери дирангӣ манам.

Чу фармон диҳад мар маро шаҳрёр,
Ба танҳо равам ман бад-ин корзор.»

Чу бишнид аз ӯ шоҳи Туронзамин,*[3]
Бигуфташ: Зи лашкар сарон баргузин.[4]

Бурун рафт бо ӯ зи лашкар савор
Зи мардони ҷангӣ фузун аз ҳазор.

1. И — Кӣ чанде ҳаме ҷанги.
2. ИЛ — ҷанг.
3. М — солори Туронзамин.
4. Л-б 716-719 нест.

www.sattor.com

Ҳама бо синони сарафшон[1] шуданд,*[2]
Чу Ноҳиду Ҳурмуз дурахшон[3] шуданд.*[4]

Чу омад ба наздики эронсипоҳ,
Бипӯшид аз гард хуршеду моҳ.[5]

Завора падидор буд ҷангҷӯй,
Бад-ӯ тез Алкӯс бинҳод рӯй.

Гумоне чунон бурд, к-ӯ Рустам аст,
Бидонист, к-аз тухмаи Найрам аст.

Завора баровехт бо ӯ ба ҳам
Ба найза ба кирдори шери[6] дижам.

Синонвор найза ба ду ним гашт,[7]
Завора зи Алкӯс пурбим гашт.

Бизад дасту он[8] теғи буррон кашид,
Зи гарди саворон ҷаҳон нопадид.

Ба кин-андарун[9] теғ бар ҳам шикаст,
Сӯи гурз бурданд чун бод[10] даст.

Бияндохт Алкӯс гурзе чу кӯҳ,
Ки аз захми[11] ӯ шуд Завора сутӯҳ.

Ба зин-андар аз захм беҳуш гашт,
Ба хок-андар афтоду хомӯш гашт.

---

1. Л — дурафшон.
2. М — буданд.
3. Л — Або ҷавшану гурзу хафтон.
4. М — буданд.
5. Л — б 722 нест.
6. ИЛ — Чу пиле сарафрозу шере,
7. И — Синонро зи найза ба ду ним кард,
   Дили шери ҷангӣ пур аз бим кард.
8. И — даст бар.
9. Л — Зи теғоварон.
10. И — ночор.
11. Л — бими.

www.sattor.com

Фуруд омад Алкӯс тез[1] аз бараш,
Ҳаме хост аз тан буридан сараш.

Чу Рустам бародар бад-он гуна ёфт,
Ба кирдори оташ сӯи ӯ шитофт.

Ба Алкӯс барзад яке бонг тунд,
Кучо даст шуд сусту шамшер кунд.

Чу Алкӯс овози Рустам шунид,
Дилаш гуфтӣ аз пӯст омад падид.[2]

Ба зин андаромад ба кирдори бод,
Зи мардӣ ба дил дарнаёмад-ш ёд.[3]

Бад -ӯ гуфт Рустам; «Ту чанголи шер
Напаймудаӣ, з-он шудастӣ далер».

Завора ба дард аз бари[4] зин нишаст,
Пур аз хун дил, озурда аз гурз даст.[5]

Баровехт Алкӯс бо пилтан,
Бипӯшид бар зини тӯзӣ[6] кафан.

Яке найза зад бар камарбанди ӯй,
Зи чавшан наёмад ба пайванди ӯй.

Таҳамтан яке найза зад бар сараш,
Ба хуни чигар ғарқа шуд миғфараш.

Ба найза ҳам эдун зи зин баргирифт,
Ду лашкар бад-ӯ монда андар шигифт.

Задаш бар замин ҳамчу як лахт кӯҳ,
Пур аз бим шуд чони туронгурӯҳ.

---

1. Л — танг.
2. Л — Дилаш аз тан ба берун парид.
3. ТПЗ — Биёмад бад-ӯ гуфт: «Рустам туӣ,
Гумонам бад-ӯ рафт, аз ӯ кам туӣ.»
4. Л — аз ин гуна бар.
5. Л — Пур аз хун тану теғ монда ба паст.
6. Л — Бипӯшид бар тан либоси.

www.sattor.com

Бад-ин ҳамнишон ҳафт гурди далер
Кашиданд*[1] шамшер бар сони шер.

Паси пушти эшон диловар сарон
Ниҳоданд бар китф гурзи гарон.

Чу Афросиёб он шигифтӣ бидид,
Ба сӯи далерон яке бингарид.

Чунин гуфт Афросиёб он замон,
Ки «Бар ҷангатон чира шуд бадгумон.

Бикӯшеду рои паланг оваред,
Якояк бад-ин кин диранг оваред»!

Чу лашкар шуниданд овози ӯй,
Ба Рустам ниҳоданд якбора рӯй.

Чу он дид Рустам, або ҳафт гурд
Ба тундӣ ба эшон[2] яке ҳамла бурд.

Чунон баргирифтанд лашкар зи ҷой,
Ки пайдо наёмад ҳаме сар зи пой.

Бикуштанд чандон зи кундоварон,[3]
Ки шуд лаъл хок аз карон то карон.

Фиканданд чандон ба ҳар ҷой- бар,
Чи бо сар, чи аз тан ҷудо карда сар.

Ба овардгаҳ ҷои гаштан намонд,[4]
Сипаҳро раҳи баргузаштан намонд.[5]

ГУРЕХТАНИ АФРОСИЁБ АЗ РАЗМГОҲ

Сипаҳдори Турон чу з-он гуна дид,
Сабук сар аз он ҷанг берун кашид.

---

1. М — Гирифтанд.
2. ИЛ — тундиву тези.
3. ИЛ — ҷанговарон.
4. Л — набуд.
5. Л — набуд.

www.sattor.com

Инонро бупечиду бигрифт роҳ,
Ҳаме шуд ба тезӣ чу абри сиёҳ.[1]

Таҳамтан барангехт Рахш аз шитоб
Паси пушти ҷанговар[2] Афросиёб.

Чунин гуфт бо Рахш, к-Эй ҳушёр,[3]
Макун сустӣ андар гаҳи корзор,

Ки ман шоҳро бар ту беҷон кунам,
Зи хун дастро ҳамчу*[4] марҷон кунам.

Чунон гарм шуд Рахши оташгуҳар,
Ки[5] гуфтӣ баромад зи паҳлӯш пар.[6]

Зи фитрок букшод Рустам каманд,
Ҳаме хост, к-орад миёнаш ба банд.

Ба тарк - андар афтод хамми дувол,
Сипаҳдори туркон бидуздид ёл.

Дигар он ки зер - андараш бодпой
Ба кирдори оташ баромад зи ҷой.

Биҷаст аз каманди гави пилтан,
Пур аз об рух, хушк монда даҳан.

Якояк саворон пас - андар дамон,
Шикастасилоҳу гусастаравон.

Ҳаме тохт чун бод Афросиёб,
Шитобанда бугзашт аз рӯи об.[7]

---

1. ИЛ — б. 754, 755 нест.
2. ЛМ — Ҳаме шуд паси пушти.
3. ИЛМ — нек ёр.
4. М — Дару дашт бар сони.
5. ИЛ — Ту
6. ТПЗ — Чу наздикии шоҳи Турон расид,
   Ба дил гуфт, к-омад замонаш падид.
7. ИЛ — б. 764. 765 нест.

www.sattor.com

Дилаш хаставу кушта лашкар ду баҳр,
Ҳаме нӯш[1] ҷуст аз ҷаҳон, ёфт заҳр.

Зи лашкар ҳар он кас, ки буд ҷангсоз,
Ду баҳра наёмад ба хиргоҳ боз.

Ҳама кушта буданд ё[2] хаста тан,
Гирифтор дар дасти он анҷуман.

Зи ганҷу зи тахту кулоҳу камар,
Зи теғу зи хафтону хӯду гуҳар,[3]

Зи пурмоя аспони зарринситом,
Зи таргу зи шамшери зарринниём.

Ҷуз ин ҳар чи пурмоятар буд, низ
Ба эрониён монд бисёр чиз.

Ҳама гирд карданд эронсипоҳ
Ба дил шодмон гашта з-он размгоҳ.[4]

Миён боз накшод кас куштаро,
Наҷустанд[5] мардони баргаштаро.

Бад-он дашти нахчир боз омаданд,
Зи ҳар гуна бо аспу соз[6] омаданд.

Набиштанд нома ба Ковусшоҳ
Зи пайкору аз дашти нахчиргоҳ

В-аз он, к-аз далерон нашуд кушта кас,
Завора зи асп андарафтоду бас.[7]

---

1. И — шаҳд.
2. ИЛ — агар.
3. ИЛ- б. 769 нест.
4. ИЛ — б. 772 нест.
5. Л — Накуштанд.
6. Л — Зи ҳар некӯӣ бо ниёз,
7. ТПЗ — Ба Гургин чунин гуфт пас паҳлавон,
К — Аз эдар бирав шоду равшанравон.
Бибар нома наздики Ковуси кай,
Бигӯ, он чи даврон бияфканд пай.
Ҳама ҳадяҳоро фиристод низ,

www.sattor.com

Бад-он дашти фархунда-бар паҳлавон
Ду ҳафта ҳаме буд равшанравон.

Севум ҳафта наздики[1] шоҳ омаданд,
Ба дидори фаррухкулоҳ омаданд.

Чунин аст расми сарои сипанҷ,
Яке з-ӯ таносону дигар ба ранҷ.[2]

Бар ину бар он рӯз ҳам бугзарад,
Хирадманд мардум чаро ғам х(в)арад?!

Суханҳо бад-ин достон шуд ба бун,[3]
Чунон чун даромад[4] зи боло сухун.

СӮҲРОБ

ОҒОЗИ ДОСТОНИ СӮҲРОБ

Кунун разми Сӯҳробу Рустам шунав,
Дигарҳо шунидастӣ, ин ҳам шунав.

Яке достон аст пуроби чашм,
Дили нозук аз Рустам ояд ба хашм.

Агар тундбоде барояд зи кунҷ,
Ба хок афканад норасида турунҷ.

Ситамкора хонемаш, ар додгар,
Ҳунарманд донемаш, ар беҳунар,

Агар марг дод аст, бедод чист?
Зи дод ин ҳама бонгу[5] фарёд чист?

Ба гурдони гарданкашон дод чиз.
1. И — Саворон ба даргоҳи.
2. ТПЗ — Ҷаҳонро чунин дастёзӣ басест,
Зи ҳар ранг найрангсозӣ басест.
На з-ӯ шояд эмин шудан рӯзи ноз,
На навмед гаштан ба рӯзи ниёз.
3. Л — куҳун.
4. Л — К-андаромад.
5. Л — чангу.

www.sattor.com

Аз ин роз ҷони ту огоҳ нест,
Бад-ин парда-андар[1] туро роҳ нест.

Ҳама то дари оз рафта фароз,
Ба кас во нашуд ин дари оз боз.

Ба рафтан магар беҳтар ояд-т ҷой,
Чу *[2] ором гирӣ ба дигар сарой.

Агар марг касро наявборадӣ,
Зи пиру ҷавон хок биспорадӣ.

Агар оташе гоҳи афрӯхтан
Бисӯзад, аҷаб нест з-ӯ сӯхтан.[3]

Бисӯзад, чу дар сӯзиш ояд дуруст,
Чу шохи нав аз бехи кӯҳна бируст.

Дами марг чун оташи ҳавлнок
Надорад зи барнову фартут бок.

Ҷавонро чӣ бояд ба гетӣ тараб,
Ки не маргро ҳаст пирӣ сабаб.

Дар ин ҷои рафтан на ҷои диранг,
Бар аспи қазо гар кашад[4] марг танг,

Чунон дон, ки дод аст, бедод нест,
Чу дод омадат, бонгу фарёд чист?!

Ҷавониву пирӣ ба назди аҷал
Яке дон, чу дар дин нахоҳӣ халал.

Дил аз нури имон гар огандаӣ,
Туро хомушӣ беҳ, ки ту бандаӣ.

Парастиш ҳамон пеша кун ё ниёз,
Ҳаме кори рӯзи пасинро бисоз.[5]

---

1. Л — эдар.
2. М — Гар.
3. И — б. 7-10 нест.
4. ИЛ — кунад.
5. И — б. 16-18 нест.

www.sattor.com

Бар ин кори Яздон туро роз нест,
Агар дев бо ҷонат анбоз нест.

Ба гетӣ дар он кӯш, чун бугзарӣ,
Саранҷом*[1] ислом бо худ барӣ.

Кунун разми Сӯҳроб гӯям дуруст
Аз он кин, ки ӯ бо падар чун биҷуст.

ОМАДАНИ РУСТАМ БА НАХЧИРГОҲ

Зи гуфтори деҳқон яке достон
Бипайвандам аз гуфтаи бостон.

Зи мӯбад бар он гуна бардошт ёд,
Ки Рустам баророст аз бомдод.

Ғамӣ буд дилаш, сози нахчир кард,
Камар басту таркаш пур аз тир кард.

Бирафту ба Рахш андаровард пой.
Барангехт он пилпайкар зи ҷой.[2]

Сӯи марзи Турон-ш[3] бинҳод рӯй
Чу шери дижогоҳи нахчирҷӯй.

Чу наздикии марзи Турон расид,
Биёбон саросар пур аз гӯр дид.

Барафрӯхт чун гул рухи тоҷбахш,
Бихандиду аз ҷой баркард Рахш.

Ба тиру камону ба гурзу каманд
Бияфканд бар дашт нахчир чанд.

Зи хору зи хошоку шохи дарахт
Яке оташе барфурӯзид сахт.

1. М — Ки анҷом.
2. ИЛ — б. нест.
3. Ж — Турон.

www.sattor.com

Чу оташ пароканда шуд, пилтан
Дарахте бичӯуст аз дари бобзан.

Яке наррагӯре бизад бар дарахт,
Ки дар чанги ӯ парри мурғе насахт.

Чу бирён шуд, аз ҳам биканду бих(в)ард,
Зи мағз устухонаш баровард гард.[1]

Бихуфту баросуд аз рӯзгор,
Чамону чарон Рахш дар марғзор.

Саворони туркон тане ҳафт-ҳашт
Бад-он дашти нахчиргаҳ баргузашт.[2]

Паи Рахш диданд дар марғзор,
Бигаштанд*[3] гирди лаби ҷӯйбор.

Чу дар дашт мар Рахшро[4] ёфтанд,
Сӯи банд кардан-ш биштофтанд.

Саворон зи ҳар сӯ ба ӯ тохтанд,
Каманди каёнӣ дарандохтанд.

Чу Рахш он каманди саворон бидид,
Чу шери жиён он гаҳе*[5] бардамид.

Ду касро ба захми лагад кард паст,
Якеро сар аз тан ба дандон гусаст.[6]

Се тан кушта шуд з-он саворони чанд,[7]
Наёмад сари Рахши ҷангӣ ба банд.

---

1. ТПЗИ — Пас он гаҳ хиромон бишуд назди об,
   Чу сероб шуд, кард оҳанги хоб.
2. И — б. б. 35 ин б. омада:
   Ки то охуеро ба чанг оваранд,
   Баранду буранду пазанду х(в)аранд.
3. М — Ки мегашт.
4. Л — аспро
5. М — Ба кирдори шери жиён.
6. Л — бихаст.
7. Л — меҳтару арҷманд.

www.sattor.com

Пас он гаҳ фикананд ҳар сӯ каманд,
Ки то гардани Рахш карданд банд.[1]

Гирифтанду бурданд пӯён ба шаҳр,
Ҳаме ҳар кас аз Рахш ҷустанд[2] баҳр.

Чу бедор шуд Рустам аз хоби х(в)аш,
Ба кор омадаш бораи досткаш.

Бад-он марғзор-андарун бингарид
Зи ҳар сӯ ҳаме, борагиро надид.

Ғамӣ гашт, чун борагиро наёфт,
Саросема сӯи Самангон шитофт.

Ҳаме гуфт, к-акнун пиёда давон
Куҷо пӯям, аз нанг тира равон,

Або таркашу гурз баста миён,
Чунин таргу шамшеру бабри баён?

Биёбон чӣ гуна гузора кунам,
Або ҷангҷӯён чӣ чора кунам?

Чӣ гӯянд туркон, ки Рахшаш[3] кӣ бурд,
Таҳамтан бад-ин сон бихуфту бимурд?

Кунун рафт бояд ба бечорагӣ,
Ба ғам дил ниҳодан ба якборагӣ.

Ҳаме[4] баст бояд силеҳу камар,
Ба ҷое нишонаш биёбам магар.

Бирафт инчунин дил пур аз дарду ранҷ,
Тан андар балову дил андар шиканҷ.[5]

---

1. И — б 38-42 нест.
2. Л — бурданд.
3. И — гурдон, ки аспаш.
4. ЛМ – Кунун.
5. ИЛ — б. 53 нест.
ТПЗ — Ба пушт андаровард зину лаҷом,
Ҳаме гуфт бо худ яли некном.

www.sattor.com

ОМАДАНИ РУСТАМ БА ШАҲРИ САМАНГОН

Чу наздики шаҳри Самангон расид,
Хабар з-ӯ ба шоҳу бузургон расид,

Ки омад пиёда гави тоҷбахш,
Ба нахчиргаҳ з-ӯ рамидаст Рахш.

Пазира шудандаш бузургони шоҳ,
Касе к-ӯ ба сар барниҳодӣ кулоҳ.

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки ин Рустам аст,
Ва ё офтоби сапедадам аст?

Пиёда бишуд пеши ӯ зуд шоҳ,
Бар ӯ анҷуман шуд фаровон сипоҳ.

Бад-ӯ гуфт шоҳи Самангон: «Чӣ буд?
Кӣ ёраст бо ту набард озмуд?

Дар ин шаҳр мо некхоҳи туем,
Ситода ба фармону роҳи туем.

Тану хоста зери фармони туст,
Сари арҷмандону ҷон они туст.»

Чу Рустам ба гуфтори ӯ бингарад,
Зи дил бадгумониш[1] кӯтоҳ дид.

Бад-ӯ гуфт: «Рахшам бад-ин марғзор
Зи ман дур шуд бе лагому фисор.

Кунун то Самангон нишони пай аст,
Аз он сӯ куҷо ҷӯйбору най аст.

Туро бошад ар боз ҷӯӣ сипос,
Биёбӣ ту подоши[2] некӣ шинос.

Чунин аст расми сарои дурушт,
Гаҳе пушти зину гаҳе зин ба пушт.
Паи Рахш бардошт, раҳ баргирифт,
Бас андешаҳо дар дил-андар гирифт.

1. ИЛ — бадҳо гумониш.
2. Л — Биёрад ба подош.

www.sattor.com

В-ар эдун, ки Рахшам наёяд падид,
Саронро басе сар бихоҳам бурид.»[1]

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй сарафроз мард,
Наёрад касе бо ту ин кор кард.

Ту меҳмони ман бошу тундӣ макун,
Ба коми ту гардад саросар сухун.

Як имшаб ба май шод дорем дил,
В-аз андеша озод дорем дил,

Ки тундиву тезӣ наёяд ба кор,
Ба нармӣ барояд зи сӯрох мор.[2]

Ҳаме[3] Рахши Рустам намонад[4] ниҳон,
Чунон бораи номвар дар ҷаҳон.[5]

Биҷӯему Рахшат биёрем зуд,
Аё пурҳунар марди корозмуд!»[6]

Таҳамтан зи гуфтори ӯ шод шуд,
Равонаш зи андеша озод шуд.

Сазо дид рафтан сӯи хони ӯй,
Шуд аз мужда дилшод[7] меҳмони ӯй.[8]

Сипаҳбад варо дод дар [9*10] кох ҷой,
Ҳаме буд дар пеши ӯ-бар[11] ба пой.

---

1. И — б. 70 нест.
2. И — б. 70 нест.
3. ИЛМ –Паи.
4. Л — нагардад.
5. Л — паҳлавон.
6. ИЛ — б. 72 нест.
7. Л — он муждаро шод; И — Бад-он мужда шуд шод.
8. ТПЗИ — Магар боз ёбад аз ӯ Рахши хеш,
   Саодат барад баҳра з-ӯ* бахши хеш.
   * И — бувад баҳра з-он.
9. ИЛ — бад-ӯ дод бар.
10. М — тахт.
11. Л — чун банда пешаш; И — Ситода ҳамебуд пешаш.

www.sattor.com

Зи шаҳру зи лашкар саронро бихонд,
Сазовор бо ӯ ба ромиш[1] нишонд.

Бифармуд холигаронро, ки хон[2]
Биёранду бинҳанд пеши гавон.[3]

Нишастанд бо рудсозон ба ҳам,
Бад-он то Таҳамтан набошад дижам.

Гусорандаи бодаву руду соз,
Сияҳчашми[4] гулрух бутони Тароз.

Чу шуд маст, ҳангоми хоб омадаш,
Ҳаме аз нишастан шитоб омадаш.

Сазовори ӯ ҷои орому хоб
Биёрост, бинҳод мушку гулоб.[5]

ОМАДАНИ ТАҲМИНА – ДУХТАРИ ШОҲИ САМАНГОН БА НАЗДИ РУСТАМ

Чу як баҳра з-он[6] тирашаб даргузашт,
Шабоҳанг бар чархи гардон бигашт.

Сухан гуфта[7] омад нуҳуфта ба роз,
Дари хобгаҳ нарм карданд боз.

Яке банда шамъи муанбар ба даст,
Хиромон биёмад ба болини маст.

---

1. Л — шодӣ.
2. Л — хунёгаронро бихонд.
3. Л — Ҳама бадсиголон зи пешаш биронд.
   ТПЗ — Яке базми хуррам биёростанд,
   Зи туркони чинӣ қадаҳ хостанд.
4. Л — Сияҳчашму.
5. ТПЗ — Баросуд Рустам бари хобгоҳ,
   Ғунуда шуд аз бодаву ранҷи роҳ.
6. Ж — Аз.
7. Ж — гуфтан.

www.sattor.com

Паси парда-андар[1] яке[2] моҳрӯй,
Чу хуршеди тобон пур аз рангу бӯй.

Ду абрӯ камону ду гесӯ каманд,
Ба боло ба кирдори сарви баланд.

Ду рух чун ақиқи ямонӣ ба ранг,
Даҳон чун дили ошиқон гашта танг.[3]

Равонаш хирад буду тан ҷони пок,
Ту гуфтӣ, ки баҳра надорад зи хок.

Аз ӯ Рустами шердил хира монд,
Бар ӯ-бар ҷаҳонофаринро[4] бихонд.

Бипурсид аз ӯ, гуфт: «Номи ту чист?
Чӣ ҷӯӣ шаби тира,[5] коми ту чист?»

Чунин дод посух, ки «Таҳминаам,
Ту гӯӣ, ки аз ғам ба ду нимаам.

Яке духти шоҳи Самангон манам,
Зи пушти ҳизабру палангон манам.

Ба гетӣ зи шоҳон[6] маро ҷуфт нест,
Чу ман зери чархи барин[7] андакест.

---

1. ЛЖ — парда-андар.
2. И — буд духтаре.
3. ИЛ — б. 87 нест;
   ТПЗ — Ду барги гулаш савсани майсиришт,
   Ду шамшоди анбарфурӯш аз биҳишт.
   Баногӯш тобанда хуршедвор,
   Фурӯҳишт з-ӯ ҳалқаи гӯшвор.
   Лабон аз табарзад, забон аз шакар.
   Даҳонаш мукаллал ба дурру гуҳар.
   Ситора ниҳон карда зери ақиқ,
   Ту гуфтӣ варо Зӯҳра омад рафиқ.*

   * Ил — танҳо ду байти охир мавҷуд аст.
4. ИЛЖ — Бар ӯ офаринҳои Яздон.
5. Л — тору.
6. Л — хубон.
7. И — кабуд, Ж-баланд.

www.sattor.com

Зи парда бурун кас надида маро,
На ҳаргиз кас ово шунида маро.

Ба кирдори[1] афсона аз ҳар касе
Шунидам ҳаме[2] достонат басе,

Ки аз деву шеру палангу наҳанг
Натарсиву ҳастӣ чунин тезчанг.[3]

Шаби тира танҳо ба Турон шавӣ,
Бигардӣ дар он марзу ҳам нағнавӣ.

Ба танҳо яке гӯр бирён кунӣ,
Ҳаворо ба шамшер гирён кунӣ.

Бидаррад дили шеру чарми паланг,
Ҳар он гаҳ ки гурзи ту бинад ба ҷанг.

Бараҳна чу теғи ту бинад уқоб,
Наёрад ба нахчир кардан[4] шитоб.

Нишони каманди ту дорад ҳизабр,
Зи бими синони ту хун борад абр.

Чунин достонҳо шунидам зи ту,
Басе лаб ба дандон газидам зи ту.

Бичустам ҳаме китфу ёлу барат,
Бад-ин шаҳр кард Эзад обишх(в)арат.

Туроам, кунун гар бихоҳӣ маро,
Набинад ҳаме мурғу моҳӣ маро.

Яке он ки бар ту чунин гаштаам,
Хирадро зи баҳри ҳаво куштаам.

---

1. ИЛ — гуфтору.
2. Л — Шунидастам.
3. И — б. 96 нест.
4. Л — Ба нахчир кардан насозад.

www.sattor.com

Ва дигар, ки аз ту магар[1] кирдгор
Нишонад яке кӯдакам дар[2] канор.

Магар чун ту бошад ба мардиву зӯр,
Сипеҳраш диҳад баҳра кайвону ҳур.

Се дигар, ки Рахшат[3] ба ҷой оварам,
Самангон ҳама зери пой оварам.»

Суханҳои он моҳ омад ба бун,
Таҳамтан саросар шунид он сухун.

Чу Рустам бад-он сон паричеҳра дид,
Зи ҳар донише назди ӯ баҳра дид.

Дигар он, ки аз Рахш дод огаҳӣ,
Надид эч фарҷом ҷуз фарраҳӣ.[4]

Бифармуд, то мӯбади пурҳунар
Биёяд, бихоҳад варо аз падар.

Чу бишнид шоҳ ин сухан, шод шуд,
Ба сони яке сарви озод шуд.[5]

Бад-он паҳлавон дод он духти хеш,
Бар он сон, ки будаст оину кеш.

Ба хушнудиву рою фармони ӯй
Ба хубӣ биёрост паймони ӯй.

Чу биспурд духтар бад-он паҳлавон,
Ҳама шод гаштанд пиру ҷавон.

---

1. ИЛ — Маро.
2. ИЛ — пурам андар.
3. ИЛ — аспат.
4. ТПЗ — Бари хеш хондаш, чу сарви равон
Хиромон биёмад бари паҳлавон.
5. ТПЗ — Бишуд донишуманд назди сипоҳ*.
Хабар чун ба шоҳи Самангон расид,
Аз ин шодмонӣ дилаш бардамид.
Зи пайванди Рустам дилаш шод гашт,
Ба сони яке сарви озод гашт.

*3 — 6 якум нест.

www.sattor.com

Ба шодӣ ҳама ҷон барафшонданд,
Бар он паҳлавон офарин хонданд,

Ки ин моҳи нав бар ту фархунда бод,
Сари бадсиголони ту канда бод![1]

Чу анбози ӯ гашт бо ӯ ба роз,
Бибуд он шаби тира то дер боз.[2]

Чу хуршеди равшан[3] зи чархи баланд
Ҳаме хост афканд мушкин[4] каманд.

Ба бозуи Рустам яке мӯҳра буд,
Ки он мӯҳра андар ҷаҳон шӯҳра буд.

Бад-ӯ доду гуфташ, ки «Инро бидор,
Гарат духтаре ояд аз рӯзгор,

Бигиру ба гесӯи ӯ-бар бидӯз
Ба некахтару фоли гетифурӯз.

В-ар эдун, ки ояд зи ахтар писар,
Бубандаш ба бозу нишони[5] падар.

Ба болои Соми Наримон бувад,
Ба мардиву хӯи[6] каримон бувад.

Фуруд орад аз абр парронуқоб,
Натобад ба тундӣ бар ӯ офтоб.»[7]

---

1. ИЛ — б. 116-118 нест.
2. ТПЗ — Зи шабнам шуд он ғунчаи тоза пур,
Ва ё ҳуққаи лаъл шуд пур зи дур.
Ба коми садаф қатра андарчакид,
Миёнаш яке гавҳар омад падид.
Бидонист Рустам, ки ӯ бар гирифт.
Таҳамтан ба дил меҳраш андаргирифт.
3. ИЛ — тобон.
4. ИЛ — рахшон.
5. ИЛ — ба сони.
6. Л — хубӣ.
7. ТПЗ — Ба бозӣ шуморад ҳаме разми шер,
Напечад сар аз разми пили далер.

www.sattor.com

Ҳаме буд он шаб бари моҳрӯй,
Ҳаме гуфт аз ҳар сухан пеши ӯй.

Чу рахшанда хуршед шуд бар сипеҳр,
Биёрост рӯи заминро ба меҳр,

Ба падруд кардан гирифташ ба бар,
Басе бӯса додаш ба чашму ба сар.

Паричеҳра гирён аз ӯ боз гашт,
Або андуҳу дард анбоз гашт.

Бари Рустам омад гаронмоя шоҳ,
Бипурсидаш аз хобу оромгоҳ.

Чу ин гуфта шуд, мужда додаш ба[1] Рахш
Аз ӯ шодмон шуд дили тоҷбахш.

Биёмад, бимолиду зин барниҳод,
Шуд аз Рахш рахшону аз шоҳ шод.[2]

В-аз он ҷо сӯи Систон шуд чу бод,
В-аз ин достон кард бисёр ёд.

В-аз он ҷо сӯи Зобулистон кашид,
Касеро нагуфт, он чи диду шунид.[3]

ЗОДАНИ СӮҲРОБ АЗ МОДАРАШ ТАҲМИНА

Чу нӯҳ моҳ бугзашт бар духти шоҳ,
Яке кӯдак омад чу тобанда моҳ.

Ту гуфтӣ гави пилтан Рустам аст,
Ва ё[4] Соми шер аст, ё[5] Найрам аст.

Чу хандон шуду чеҳра шодоб кард,
Варо ном Таҳмина Сӯҳроб кард.

---

1. Л — зи.
2. ИЛ — Зи яздони некидиҳиш кард ёд.
3. ИЛ — б. 135 нест.
4. ИЛ — Ва гар.
5. ИЛ — ва гар.

www.sattor.com

Чу якмоҳ[1] шуд ҳамчу яксол буд,
Бараш чун бари Рустами Зол буд.

Чу сесола шуд, сози майдон гирифт,
Ба панҷум дили шермардон[2] гирифт.

Чу даҳсола шуд, з-он замин кас набуд,
Ки ёраст бо ӯ набард озмуд.[3]

Бари модар омад, бипурсид аз ӯй,
Бад-ӯ гуфт густох: «Бо ман бигӯй,

Ки ман чун зи ҳамширагон[4] бартарам?
Ҳаме б-осмон андарояд сарам.

Зи тухми киям в-аз кадомин гуҳар?
Чӣ гӯям, чу пурсад касе аз падар?

Гар ин пурсиш аз ман бимонад[5] ниҳон,
Намонам туро зинда андар ҷаҳон.»[6]

Бад-ӯ гуфт модар, ки «Бишнав сухун,
Бад-ин шодмон бошу тундӣ макун.

Ту пури гави пилтан – Рустамӣ,
Зи Дастони Сомиву аз Найрамӣ.

Азеро сарат з-осмон бартар аст,
Ки тухми ту з-он номвар гавҳар аст.

---

1. Л — моҳа.
2. ИЛ — шеру ҷавгон.
3. ТПЗ — Ба тан ҳамчу пилу ба чеҳра чу хун,
Ситабраш ду бозу ба сони сутун.
Ба нахчири шерон бурун тохтӣ,
Ба бозӣ ҳама размашон сохтӣ.
Ба так -дар давидӣ паи бодпой
Гирифтӣ думи асп, мондӣ ба ҷой.
4. Л — ҳамзодагон.
5. ИЛ — ту дорӣ.
6. ТПЗ — Чу бишнид Таҳмина гуфти ҷавон,
Битарсид аз он номвар паҳлавон.

www.sattor.com

Ҷаҳонофарин то ҷаҳон офарид,
Саворе чу Рустам наёмад падид.[1]

Чу Соми Наримон ба гетӣ набуд,
Сарашро наёраст гардун бисуд.»

Яке нома аз Рустами ҷангҷӯй
Биёварду бинмуд пинҳон бад-ӯй.

Се ёқути рахшону се бадра[2] зар,
К-аз Эрон[3] фиристода будаш падар,

Бад-он гоҳ, к-ӯ зода будаш зи мом,
Фиристода будаш падар бо паём.[4]

Нигаҳ кун ту онро, ба хубӣ нигар,
Ки бобат фиристода, эй пурҳунар.[5]

Дигар гуфт, к-Афросиёб ин сухун
Набояд, ки донад зи сар то ба бун,

Ки ӯ душмани номвар Рустам аст.
Ба Туронзамин з-ӯ ҳама мотам аст.

Мабодо, ки гардад ба ту кинахоҳ,
Зи хашми падар пур созад табоҳ.[6]

Падар гар бидонад, ки ту з-ин нишон
Шудастӣ[7] сарафрози гарданкашон,

Ҳамон гаҳ[8] бихонад туро назди хеш,
Дили модарат гардад аз дард реш.

---

1. ТПЗ — Дили шер дорад, ба тан жандапил,
Наҳангон барорад зи дарёи Нил.
2. ИЛ — мӯҳра.
3. И — Бад-он гаҳ.
4. Л — б. 153 нест.
5. ТПЗ — Сазад, гар бидорӣ кунун ёдгор
Ҳамоно, ки бошад туро ин ба кор.
6. ИЛ — б. 156, 157 нест.
7. И — Кӣ ҳастӣ.
8. ИЛМ – Чу донад.

www.sattor.com

Чунин гуфт Сӯҳроб, к-«Андар ҷаҳон
Надорад касе ин суханро ниҳон.

Бузургони ҷанговар аз бостон
Зи Рустам зананд ин замон достон.[1]

Набарданажоде ки чунин бувад,
Ниҳон кардан аз ман чӣ оин бувад?

Кунун ман зи туркони[2] ҷанговарон
Фароз оварам лашкари бекарон.[3]

Барангезам аз гоҳ*[4] Ковусро,
Аз Эрон бибуррам паи Тусро.

На Гургин бимонам, на Гударзу Гев,
На Густаҳми Нӯзар, на Баҳроми нев.[5]

Ба Рустам диҳам ганҷу[6] тахту кулоҳ,
Нишонам- ш бар гоҳи*[7] Ковусшоҳ.

Аз Эрон ба Турон шавам ҷангҷӯй,
Або шоҳ рӯй андарорам ба рӯй.

Бигирам сари тахти Афросиёб,
Сари найза бигзорам аз офтоб.

Туро бонуи шаҳри Эрон кунам,
Ба ҷанг-андарун кори шерон кунам.[8]

---

1. И — б. 161 нест.
   ТПЗИ - Ниҳонӣ чаро доштӣ аз ман ин
   Нажоде баоину боофарин?
2. ИЛ — туркону.
3. ТПЗ — Биронам ба Эронзамин кинахоҳ,
   Ҳама гарди кина барорам ба моҳ.
4. М — кох.
5. И-б 165 нест.
   ТПЗ — На Гударз монам, на некӯсарон,
   На гурдони ҷангиву номоварон.
6. Л — кӯсу; И — гурзу.
7. М — кохи.
8. И — б. 169 нест.

www.sattor.com

Чу Рустам падар бошаду ман писар,
Ба гетӣ намонад яке[1] тоҷвар.

Чу равшан бувад рӯи хуршеду моҳ,
Ситора чаро барфарозад кулоҳ?

ГУЗИДАНИ СӮҲРОБ АСПРО

Ба модар чунин гуфт Сӯҳроби гурд,[2]
Ки «Акнун бубинӣ зи ман дастбурд.[3]

Яке асп бояд маро гомзан,
Суми ӯ зи[4] пӯлоди хорошикан.

Чу пилон ба зӯру чу мурғон ба пар,
Чу моҳӣ ба дарё[5], чу оҳу ба барр.

Кӣ баргирад ин гурзу кӯполи ман,
Ҳамин паҳлавонӣ бару ёли ман?

Пиёда нашояд шудан ҷангҷӯй,
Чу бо хасм рӯ андарорам ба рӯй.»

Чу бишнид модар чунин аз писар,
Ба хуршеди тобон баровард сар.

Ба чӯпон бифармуд, то ҳар чи буд,
Фасила биёрад ба кирдори дуд,

Ки Сӯҳроб аспе ба чанг оварад,
Ки бар вай нишинад, чу ҷанг оварад.

Ҳама ҳар чи буданд аспон гала,
Ки будӣ ба кӯҳу ба саҳро яла,

Ба шаҳр овариданд, Сӯҳроби шер
Каманде гирифту биёмад далер.

---

1. Л — Чӣ бояд ба гетӣ касе; И — Набояд ба гетӣ яке.
2. Л — гав.
3. Л — Ки, эй модар, аз ман чунин.
4. Ж — асп.
5. Л — баҳру.

www.sattor.com

Ҳар аспе, ки дидӣ ба нерӯю[1] ёл,
Фикандӣ ба гардан-ш хамми дувол.

Ниҳодӣ бар ӯ дастро озмун,
Шикам бар замин барниҳодӣ ҳаюн.

Ба зӯраш басе аспи зебо шикаст,
Наёмад-ш шоиста аспе ба даст.

Набуд ҳеч аспе сазовори ӯй,
Бибуд тангдил он гави номҷӯй.

Саранҷом гурде аз он анҷуман
Биёмад ба наздики он пилтан,

Ки дорам яке курра,[2] Рахшаш нажод,
Ба нерӯ чу шеру ба рафтан[3] чу бод.

Яке курра чун кӯҳу водисипар,
Ба саҳро бипӯяд чу мурғе ба пар.

Ба зӯру ба рафтан ба кирдори ҳур,
Надидаст кас ҳамчунон тез бӯр.

Зи захми сумаш говмоҳӣ сутӯҳ,
Ба ҷастан чу барқу ба ҳайкал чу кӯҳ.

Ба куҳ-бар давида ба сони калоғ,
Ба дарё ба кирдори моҳиву моғ.

Ба саҳро равад[4] ҳамчу тир аз камон,
Расад, чун шавад аз паи[5] бадгумон.

Бишуд[6] шод Сӯҳроб аз гуфти мард,
Бихандиду рухсора шодоб кард.

1. Л — қавӣ зӯру.
2. Л — ҷарма.
3. Л — Ба рафтан чу тиру ба ҷастан.
4. Л — дарун.
5. Л — бирони асп.
6. Л — Бибурд.

www.sattor.com

Бибурданд он чармаи хубранг
Ба наздики Сӯҳроби ял бединг.

Бикардаш ба нерӯи худ озмун,
Қавӣ буду шоиста омад ҳаюн.

Навозиду молиду зин барниҳод,
Бар ӯ барнишаст он яли невзод.

Даромад ба зин чун куҳи Бесутун,
Гирифташ яке найзаи чун*[1] сутун.

Чунин гуфт Сӯҳроби боофарин,
Ки «Чун аспам омад ба даст инчунин,

Ман акнун бибояд[2] саворӣ кунам,
Ба Ковус-бар рӯз торӣ кунам.»

Бигуфт ину омад сӯи хона боз,
Ҳаме ҷанги эрониён кард соз.[3]

Зи ҳар сӯ сипаҳ шуд бар ӯ анҷуман,
Ки ҳам богуҳар буду ҳам теғзан.

Ба пеши ниё шуд ба хоҳишгарӣ,
В-аз ӯ хост дастуриву ёварӣ,

Ки хоҳам шудан сӯи Эронзамин,
Ки бинам мар он боби боофарин.[4]

Чу шоҳи Самангон чунин дид боз,
Бубахшид ӯро[5] зи ҳар гуна соз.

Зи тоҷу зи тахту кулоҳу камар,
Зи аспу зи астар, зи зарру гуҳар

1. М — найза ҳамчун, Ж-яке найза ҳамчу.
2. Л — чу бояд.
3. И –б. 172 — 200 нест.
4. ИЛ..б. 203 нест.
5. ИЛМ –вайро.

www.sattor.com

Зи хафтони румиву сози набард,
Шигифтид аз он кӯдаки ширх(в)ард.

Ба доду диҳиш дастро баркушод,
Ҳама созу оини шоҳон ниҳод.

ФИРИСТОДАНИ АФРОСИЁБ БОРМОН ВА ҲУМОНРО БА НАЗДИКИ СӮҲРОБ

Хабар шуд ба наздики Афросиёб,
Ки афканд Сӯҳроб киштӣ бар об.[1]

Яке лашкаре шуд бар ӯ анҷуман,
Ҳаме сар фарозад чу сарви чаман.

Ҳанӯз[2] аз даҳан бӯи шир оядаш,
Ҳаме рои шамшеру тир оядаш.

Заминро ба ханҷар бишӯяд ҳаме,
Кунун разми Ковус ҷӯяд ҳаме.

Сипоҳ анҷуман шуд бар ӯ-бар басе,
Наёяд ҳаме ёдаш аз ҳар касе.

Сухан з-ин дарозӣ чӣ бояд кашид?
Ҳунар бартар аз гавҳар омад падид.[3]

Чу Афросиёб ин суханҳо шунуд,
Хуш омад-шу хандиду шодӣ намуд.

Зи лашкар гузид аз[4] диловар сарон,
Касе к-ӯ гирояд ба гурзи гарон.

Сипаҳбад чу Ҳумону чун Бормон,
Ки дар ҷанги шерон наҷустӣ замон.

---

1. ИЛ — б. 208 нест.
2. Л — Ҳаме.
3. ТПЗ — Касе к-аз нажоди Таҳамтан бувад,
Набошад гумон, к-ӯ фурӯтан бувад.
Сипаҳдор бишнида буд ин хабар
Зи Таҳминаву Рустами Золи Зар.*
* ИЛ — танҳо байти охир мавҷуд аст.
4. Л — гузида.

www.sattor.com

Даҳу ду ҳазор аз далерони гурд
Гузидаш зи лашкар, бад-эшон супурд.[1]

Чунин гуфт, к-ин чора андар ҷаҳон[2]
Бисозеду доред андар ниҳон.[3]

Писарро набояд, ки донад падар,
Зи пайванди ҷону зи меҳру гуҳар.[4]

Чу рӯй андароранд ҳар ду ба рӯй,
Таҳамтан бувад бегумон чораҷӯй.[5]

Магар, к-он диловар гави солх(в)ард
Шавад кушта бар дасти ин шермард.

Чу бе Рустам Эрон ба чанг оварем,
Ҷаҳон пеши Ковус танг оварем.

В-аз он пас бисозем[6*7] Сӯҳробро,
Бубандем як шаб бад[8]-ӯ хобро.

В-агар кушта гардад ба дасти падар,
Аз он пас, бисӯзад дили номвар.[9]

Бирафтанд бедор ду паҳлавон
Ба наздики Сӯҳроби равшанравон.

Ба пеш-андарун ҳадяи шаҳрёр,
Даҳ аспу даҳ астар базину бабор.

1. ТПЗИЛ -Ба гурдони лашкар сипаҳдор гуфт,
Ки он роз бояд, ки монад нуҳуфт.
2. Л — ниҳон.
3. И — б. 218 нест; Л — Бидореду созед кори меҳон.
4. Л — Ки бандад ба дил меҳри ҷони писар;
ТПЗ — Фиристам гарон лашкаре назди ӯй,
Ба Эрон шавад дарзамон ҷангҷӯй.
5. ИЛ — ҷангҷӯй.
6. Л — бибандем.
7. М — бигирем.
8. Л — Бигирем як шаб бар.
9. ИЛ-б. 224 нест.

www.sattor.com

Зи пирӯза тахту зи беҷода тоҷ,
Сари тоҷ дур,[1] пояи тахт оҷ.

Яке нома бо лобаву дилписанд
Набишта ба наздики он арҷманд,[2]

Ки гар тахти Эрон ба даст[3] оварӣ,
Замона баросояд аз доварӣ.

Аз ин марз то он басе роҳ нест,
Самангону Турону Эрон якест.

Фиристам-т, чандон ки бояд сипоҳ,
Ту бар тахт биншину барнеҳ кулоҳ.

Ба Турон чу Ҳумону чун Бормон
Далеру сипаҳбад набуд бегумон.[4]

Фиристодам инак[5] ба фармони ту,
Ки бошанд якчанд меҳмони ту.

Агар ҷанг ҷӯӣ ту, ҷанг оваранд,
Ҷаҳон бар бадандеш танг оваранд.»

Чунин номаву[6] хилъати шаҳрёр
Бибурданд бо аспу астар ба бор.[7]

Чу[8] омад ба Сӯҳроб аз эшон хабар,
Пазира шуданро бубасташ камар.

---

1. ИЛ — зар.
2. И — б. 228 ин б. омада:
   Чу нома бибурданд он бихрадон,
   Бидоданд пайғоми шоҳи радон.
3. ИЛ — ҷанг.
4. ТПЗЛ — Чу Тархони чиниву сесад ҳазор
   Гузида ялон аз дари корзор.*

   * Л — б. ин б. се б. дигар омада:
5. И — инро.
6. Л — Чу он нома бо.
7. Л — аспону чанде савор.
8. ЛМ — Пас.

www.sattor.com

Бишуд бо ниё пеши[1] Ҳумон чу бод,
Сипаҳ дид чандон,[2] дилаш гашт шод.

Чу Ҳумон варо дид бо ёлу кифт,
Фурӯ монд якбор[3] аз ӯ дар[4] шигифт.

Бад-ӯ дод пас номаи шаҳрёр
Або ҳадяву аспу астар бабор.[5]

Ҳамон низ бедор ду паҳлавон,
Бигуфтанд пайғоми шоҳи ҷаҳон.[6]

Ҷаҳонҷӯй чун номаи ӯ бихонд,
Аз он ҷойгаҳ тез лашкар биронд.[7]

Бизад кӯсу сӯи раҳ овард рӯй,
Ҷаҳон шуд пур аз лашкару ҳою хуй.[8]

Касеро набуд тоб бо ӯ ба ҷанг,
Агар шер пеш оядаш ё[9] наҳанг.

Сӯи марзи Эрон сипаҳро биронд,
Ҳаме сӯхт, з-обод[10] чизе намонд.

---

1. Л — Биёмад дамон назди.
2. И — Лабаш гашт хандон.
3. Л — Ҳуммон.
4. И — якбора андар.
5. Л — олати корзор.
6. И — б. 240 нест; Л — радон;
ТПЗ — Сипаҳдор Ҳумон савори далер
Ба Сӯҳроб гуфт: «Эй яли наррашер,
Бихон номаи шоҳи Туронзамин,
Бубин то чӣ фармон диҳӣ андар ин.»
Зи Чин он замон назди Афросиёб
Ба хидмат расида ба ҳангоми хоб.
Бигуфто бар он сон гирояд радон,
Саросар бипӯянд бо Бормон.
Дигар номдорон, ки аз Чин буданд,
Саросар камар бастаи кин буданд.
7. ТПЗ — Ҷаҳондида гурдони кишваркушой
Нишастанд бар ҷармаи бодпой.
8. ИЛ — б. 242 нест.
9. ИЛ — омадаш, гар.
10. ИЛ — ободу.

www.sattor.com

РАСИДАНИ СӮҲРОБ БА ДИЖИ САПЕД

Диже буд, к-аш хондандӣ Сапед,
Бад-он диж буд эрониёнро умед.

Нигаҳбони диж размдида Ҳаҷир,
Ки бо зӯру дил буду бо гурзу тир.

Ҳанӯз он замон Гаждаҳам хурд буд,
Ба хурдӣ гирояндаву[1] гурд буд.

Яке духтараш[2] буд гурду савор,
Бадандешу гарданкашу[3] номдор.[4]

Чу Сӯҳроб наздики он диж расид,
Ҳаҷири диловар мар ӯро бидид.

Нишаст аз бари бодпое чу гард,
Зи диж рафт пӯён ба дашти набард.[5]

Чу Сӯҳроби ҷанговар ӯро бидид,
Барошуфту шамшери кин баркашид.

Зи лашкар бурун тохт бар сони бод,[6]
Чунин гуфт, к-«Эй дода ҷонат ба бод,[7]

---

1. ИЛ — ҳунаргустару.
2. ИЛ — хоҳараш.
3. ИЛ — мардафкану.
4. ТПЗ — Чу огаҳ шуд аз кори лашкар Ҳаҷир,
Бипӯшид ҷавшан ба кирдори шер.
5. И — б. 249, 250 нест;
ТПЗ — Бад – он лашкари турк овоз дод,
Чунин гуфт он гурди паҳлавнажод,
Ки гурдон кадоманду ҷанговарон,
Далерону корозмуда сарон?
6. Кӣ бо ман бигардад дар ин кинагоҳ
Зи чандин диловар сарони сипоҳ?
Пазира наёмад кас ӯро ба ҷанг,
Ки буд бурзболову бозӯру ҳанг.
Л — шер.
7. И — б. 252 нест; Л — бо размдида Ҳаҷир.

www.sattor.com

Ту танҳо ба ҷанг омадӣ хира-хир,
Кунун пой дору инон сахт гир.[1]

Чӣ мардиву ному нажоди ту чист,[2]
Ки зояндаро бар ту бояд гирист?»

Ҳаҷираш чунин дод посух, ки «Бас,
Ба ҷангат набояд[3] маро ёр кас.

Ҳаҷири далери сипаҳбад манам,
Ҳам акнун саратро зи тан барканам.

Фиристам ба наздики шоҳи ҷаҳон,
Танатро канад каргас андар ниҳон»[4]

Бихандид Сӯҳроб, к-ин[5] гуфтугӯй
Ба гӯш омадаш, тез бинҳод рӯй.

Сабук найза бар найза андохтанд,
Ки аз якдигар боз нашнохтанд.

Чу оташ биёмад гави пилзӯр,
Чу кӯҳе равон кард аз ҷо сутур.

Яке найза зад бар миёнаш Ҳаҷир,
Наёмад синон андар ӯ ҷойгир.

Синон боз пас кард Сӯҳроби шер,
Буни найза зад бар миёнаш далер.

Зи зин баргирифташ ба кирдори бод,
Наёмад ҳаме з-ӯ ба дил-дар-ш ёд.

1. ТПЗ — Чунин гуфт бо размдида Ҳаҷир,
Ки танҳо ба ҷанг омадӣ хира-хир.
Чаро хира танҳо ба ҷанг омадӣ,
Хиромон ба ҷанги наҳанг омадӣ?*

* З — ин ду б. ба ҷои б. 253 омада.

2. Л — Чӣ номию асли нажоди ту кист?
3. Л — наёяд.
4. ИЛ — кунам зери гил дар ниҳон.
5. ИЛ — аз ин.

www.sattor.com

Бизад бар заминаш чу як лахти кӯҳ,
Ба ҷону дилаш андаромад сутӯҳ.[1]

Зи асп андаромад, нишаст аз бараш,
Ҳаме хост аз тан буридан сараш.

Бипечиду баргашт бар дасти рост,
Ғамӣ шуд зи Сӯҳробу зинҳор хост.

Раҳо кард з-ӯ ҷангу зинҳор дод,[2]
Чу хушнуд шуд, панди бисёр дод.

Бубасташ ба банд он гаҳе ҷангҷӯй,
Ба наздики Ҳумон фиристод ӯй.[3]

Ба диж-дар чу огаҳ шуданд аз Ҳаҷир,
Ки ӯро гирифтанду бурданд асир,

Хурӯш омаду нолаи марду зан,
Ки гум шуд Ҳаҷир андар он анҷуман.

РАЗМИ СӮҲРОБ БО ГУРДОФАРИД

Чу огоҳ шуд духтари Гаждаҳам,
Ки солори он анҷуман гашт кам.

Ғамин гашту барзад хурӯше бадард,
Баровард аз дил яке боди сард.[4]

Зане буд бар сони*[5] гурде савор,
Ҳамеша ба ҷанг-андарун номдор.

Куҷо номи ӯ буд Гурдофарид,
Ки чун ӯ ба ҷанг-андарун кас надид.

1. ИЛ — б. 264 нест.
2. И — аз ӯ ҷанг Сӯҳроби род.
3. ТПЗ — Зи кораш фурӯ монд Ҳумон шигифт.
   Ки з-он сон далере ба осон гирифт.
4. ИЛ — б. 272 нест.
5. М — ба кирдори.

www.sattor.com

Чунон нангаш омад зи кори Ҳаҷир,
Ки шуд лолабаргаш ба кирдори хир.[1]

Бипӯшид диръи саворон ба ҷанг,
Набуд андар он кор ҷои диранг.

Ниҳон кард гесӯ ба зери зиреҳ,
Бизад бар сари тарги румӣ гиреҳ.

Фуруд омад аз диж ба кирдори шер,
Камар бар миён, бодпое ба зер.

Ба пеши сипоҳ андаромад чу гард,
Чу раъди хурӯшон яке вайла кард,

Ки гурдон кадоманду солор кист?[2]
Зи размоварон ҷангро ёр кист?[3]

Ки бар ман яке озмунро ба ҷанг
Бигардад ба сони диловар наҳанг?

Зи ҷанговарон лашкари сарфароз
Мар ӯро наёмад касе пеш боз.[4]

Чу Сӯҳроби шеравжан ӯро бидид,
Бихандиду лаброба дандон газид.

Чунин гуфт, к-омад дигарбора гӯр
Ба доми худованди шамшеру зӯр.

Бипӯшид хафтону бар сар ниҳод
Яке тарки чинӣ[5] ба кирдори бод.[6]

Биёмад дамон пеши Гурдофарид,
Чу духти[7] камандафкан ӯро бидид,

1. ЛМЖ –қир; И — шир.
2. ИЛ — кундоварон.
3. ИЛМ — Далерону корозмуда сарон.
4. ИЛ — б. 281 — 282 нест.
5. Руми.
6. И — б. 285 нест; Ж-Румӣ.
7. И — гурди.

www.sattor.com

Камонро ба зеҳ карду бикшод бар,
Набуд мурғро пеши тираш гузар,

Ба Сӯҳроб- бар[1] тирборон гирифт,
Чапу рост ҷанги саворон гирифт.[2]

Нигаҳ кард Сӯҳроб, омад-ш нанг,
Барошуфту тез андаромад ба ҷанг.

Сипар бар сар оварду бинҳод рӯй
Ба наздики он духтари ҷангҷӯй.

Ҳамовардро дид Гурдофарид,
Ки бар сони оташ ҳаме бардамид.

Камонро ба зеҳ-бар ба бозу фиканд,
Самандаш баромад бар абри баланд.

Сари найзаро сӯи Сӯҳроб кард,
Инону синонро[3] пур аз тоб кард.

Барошуфт Сӯҳробу шуд чун[4] паланг,
Чу бадхоҳи ӯ чораҷӯ шуд ба ҷанг.[5]

Инон баргироиду бардошт асп,
Биёмад ба кирдори Озаргушасп.[6]

Ба даст-андарун найзаи ҷонситон,
Паси пушти худ кардаш он гаҳ синон.

Бизад бар камарбанди Гурдофарид,
Зиреҳ бар танаш як ба як бардарид.

---

1. Л — Чу Сӯҳробро.
2. ИЛ — Ба гирдаш-дарун низ ҷавлон гирифт.
3. ИЛ — синонаш.
4. Л — Сӯҳроб ҳамчун.
5. Л — Чу бадхоҳро дид ӯ бо диранг.
6. ТПЗЛ – Чу ошуфта* шуд шер, тундӣ намуд,
Сари** найзаро сӯи ӯ кард зуд.

* Л — барошуфта; ** Л — буни.

www.sattor.com

Зи зин баргирифташ ба кирдори гӯй,
Ки[1] чавгон зи бод андарояд бар ӯй.

Чу бар зин[2] бупечид Гурдофарид,
Яке теғи тез аз миён баркашид,

Бизад, найзаи ӯ[3] ба ду ним кард,
Нишаст аз бари зину[4] бархост гард.

Ба овард бо ӯ басанда[5] набуд,
Битобид аз ӯ рӯю баргошт[6] зуд.

Сипаҳбад инон аждаҳоро супурд,
Ба хашм аз ҷаҳон[7] равшаноӣ бибурд.

Чу омад хурӯшон ба танг-андараш,
Биҷунбиду бардошт хӯд аз сараш,[8]

Раҳо шуд зи банди зиреҳ мӯи ӯй,
Дурафшон чу хуршед шуд рӯи ӯй.

Бидонист[9] Сӯҳроб, к-ӯ духтар аст,
Сари мӯи ӯ аз дури асфар аст.[10]

Шигифт омадаш, гуфт аз эронсипоҳ
Чунин духтар ояд ба овардгоҳ.

Саворони ҷангӣ ба рӯзи набард
Ҳамоно ба абр андароранд[11] гард.[12*13]

---

1. Л — Чу.
2. ИЛ — худ.
3. ЛМ — теғу найза.
4. ИЛ — аспу.
5. ИЛ — басанда.
6. ИЛ — баргашт.
7. ИЛ — ҷанг аз ҳаво.
8. Л — Бихандиду бардошт худ аз бараш:
9. И — Барошуфт.
10. ИЛ — Сару мӯи ӯ аз дуру афсар аст.
11. И — бароранд азшер.
12. ТПЗЛ — Заноншон чунинанд, з-эрониён,
Чӣ гӯянд гурдони ҷанговарон?!
13. М — Бароранд бар чархи гарданда гард.

www.sattor.com

Зи фитрок букшод печон каманд,
Бияндохт в-омад миёнаш ба банд.

Бад-ӯ гуфт, к-«Аз ман раҳоӣ[1] маҷӯй,
Чаро ҷангҷӯӣ[2] ту, эй моҳрӯй?

Наёмад*[3] ба домам ба сони ту гӯр,
Зи чангам раҳоӣ наёбӣ, машӯр!»[4]

Кушодаш рух он гоҳ Гурдофарид,
Мар онро ҷуз ин ҳеч чора надид.

Бад-ӯ рӯй бинмуд, гуфт:«Эй далер,
Миёни далерон ба кирдори шер.

Ду лашкар назора бар ин ҷанги мо,
Бад-ин гурзу шамшеру оҳанги мо.

Кунун ман кушода чунин рӯю мӯй,
Сипоҳ аз ту гардад пур аз гуфтугӯй,

Ки бо духтаре ӯ ба дашти набард
Бад-инсон ба абр андаровард гард.

Набояд ки чандин диранг оварад,[5]
К-аз ин разм бар хеш нанг оварад.[6]

Ниҳонӣ[7] бисозем, беҳтар бувад,
Хирад доштан кори меҳтар бувад.

Зи баҳри ман оҳу зи ҳар сӯ маҳоҳ,
Миёни ду саф баркашида сипоҳ!

Кунун лашкари диж ба фармони туст,
Набояд бад-ин оштӣ ҷанг ҷуст.

1. Л — баҳона.
2. Л — ҷанг ҷӯстӣ.
3. М — Биёмад.
4. И — ба зӯр.
5. Л — оварӣ.
6. И — б. 316 нест; Л — Ҳама номи моро ба нанг оварӣ.
7. Л — Ҳамоно.

www.sattor.com

Дижу ганҷу дижбон саросар туровст,
Чу ой чунон, к-ат муроду ҳавост.»

Чу рухсор бинмуд Сӯҳробро,
Зи хушшоб бикшуд уннобро.

Яке бӯстон буд андар биҳишт,
Ба болои ӯ сарв деҳқон накишт.

Ду чашмаш гавазну ду абрӯ камон,
Ту гуфтӣ ҳаме бишкуфад ҳар замон.[1]

Бад-ӯ гуфт: «З-ин гуфта акнун магард,
Ки дидӣ маро рӯзгори набард.

Бад-он бораи диж дил андармабанд,
Ки он нест бартар зи чархи баланд.

Ба пой оварад захми кӯполи ман,
Наронад касе найза бар ёли ман.»

Инонро бупечид Гурдофарид,
Саманди сарафроз бар диж кашид.

Ҳаме рафт Сӯҳроб[2] бо ӯ ба ҳам,
Биёмад ба даргоҳи диж[3] Гаждаҳам.

Дари диж кушоданду[4] Гурдофарид
Тани хаставу баста[5] дар диж кашид.

Дари диж бубастанду ғамгин шуданд,
Пур аз ғам дилу дида хунин шуданд.

---

1. Л — Ба ораз чу дебои мансуч (?) буд,
Ба зулфайнҳо банди Ҳорут (?) буд.
Ба боло ба кирдори сарви баланд
Лабонаш чу писта, даҳонаш чу қанд.
ТПЗИЛ - Зи дидори ӯ мубтало шуд дилаш,
Ту гуфтӣ, ки дурҷи бало шуд дилаш.
2. ИЛ — диждор.
3. И — даргоҳ-бар.
4. ИЛ — бора бикшод.
5. Л — Саманди сарафроз.

www.sattor.com

Аз озори Гурдофариду[1] Ҳаҷир
Пур аз дард буданд барнову пир.

Бари духтар омад ҳаме Гаждаҳам
Або номдорону гурдон ба ҳам.[2]

Бигуфташ, ки «Эй[3] некдил шерзан,[4]
Пур аз ғам буд аз ту дили анҷуман,

Ки ҳам разм ҷустӣ, ҳам афсуну ранг
Наёмад зи кори ту бар дуда нанг.

Сипос аз худованди чархи баланд,
Ки н-омад ба ҷонат зи душман газанд».[5]

Бихандид бисёр Гурдофарид,
Ба бора баромад, сипаҳ бингарид.

Чу Сӯҳробро дид бар пушти зин,
Чунин гуфт, к-«Эй гурди Туронзамин,[6]

Чаро ранҷа гаштӣ чунин, боз гард,
Ҳам аз омадан, ҳам зи дашти набард».

Бад-ӯ гуфт Сӯҳроб, к- «Эй хубчеҳр,
Ба тоҷу ба тахту ба моҳу ба меҳр,

Ки ин бора бо хок паст оварам,
Туро, эй ситамгар, ба даст оварам.

Чу бечора гардиву печон шавӣ,
Зи гуфтори ҳарза пушаймон шавӣ.

Пушаймонӣ он гаҳ надорад-т суд,
Чу гардуни гардон кулоҳат рабуд.

---

1. ИЛ — озору кирдори кори.
2. ИЛ-б. 332 нест.
3. ЛМ — Бад-ӯ гуфт; «Эй»
4. И — Бад-ӯ гуфт Гаждаҳм к - «Эй покзан».
5. ИЛ-б. нест.
6. Л — шоҳи Тӯрону Чин; И — шоҳи Туронзамин. Ж-Туркону Чин.

www.sattor.com

Куҷо рафт паймон, ки кардӣ падид?»
Чу бишнид гуфтор Гурдофарид,[1]

Бихандиду он гаҳ[2] ба афсун бигуфт,
Ки «Туркон зи Эрон наёбанд ҷуфт.

Чунин рафт, рӯзӣ набудат зи ман,
Бад-ин дард ғамгин макун хештан,

Ҳамоно, ки ту худ зи туркон наӣ,
Ки ҷуз б-офарини бузургон наӣ.

Бад-ин зӯру ин бозуву китфу ёл
Надорӣ[3] кас аз паҳлавонон ҳамол.

Валекин чу огоҳӣ ояд ба шоҳ,
Ки овард гурде[4] зи туронсипоҳ,

Шаҳаншоҳу Рустам биҷунбад зи ҷой,
Шумо бо Таҳамтан надоред пой.

Намонад яке зинда аз лашкарат,
Надонам, чӣ ояд зи бад бар сарат.

Дареғ оядам, к-ин чунин ёлу суфт
Ҳаме аз палангон бибояд нуҳуфт.

Набошӣ бас[5] эмин ба бозуи хеш,
Хӯрад гови нодон зи паҳлӯи хеш.

Туро беҳтар ояд, ки фармон кунӣ,
Рухи номвар сӯи Турон кунӣ.»

Чу бишнид Сӯҳроб, нанг омадаш,
Ки осон ҳаме диж ба чанг омадаш.

1. ИЛ-б. 342, 343 нест.
2. ЛМ — бо ӯ; И — Бихандид аз он пас.
3. ИЛ — Наёбӣ.
4. ИЛ — омад гурӯҳе.
5. И — пас.

www.sattor.com

Ба зери диж-андар яке ҷой буд,
Куҷо диж бад-он ҷой барпой буд.[1]

Ба тороҷ дод он ҳама буму руст,
Ба якборагӣ дасти бадро бишуст.

Чунин гуфт, к-«Имрӯз бегоҳ гашт,
Зи пайкори мо даст кӯтоҳ гашт.

Барорем шабгир аз ин бора гард,
Ниҳем андар ин ҷой шӯри набард.»

Чу гуфт ин, инонро битобиду рафт,
Сӯи ҷои худ роҳро баргирафт.

НОМАИ ГАЖДАҲАМ БА НАЗДИКИ КОВУС

Чу баргашт Сӯҳроб,[2] Гаждаҳми пир
Биёварду биншонд марди дабир.

Яке нома бинвишт наздики шоҳ,
Барафканд пӯянда марде ба роҳ.[3]

Нахуст офарин кард бар шаҳрёр,
Намуд он гаҳе гардиши рӯзгор,

Ки омад бари мо сипоҳи гарон,
Ҳама размҷӯёну кундоварон.

Яке паҳлавоне ба пеш-андарун,
Ки солаш зи ду ҳафт[4] н-омад фузун.

Ба боло зи сарви саҳӣ бартар аст,
Чу[5] хуршеди тобон бад-ӯ пайкар аст.

Бараш чун бари шеру болош бурз,
Ба Эрон[6] надидам чунин дасту гурз.

1. Л — б. 355 нест.
2. ЛМ — Чу ӯ боз гардид.
3. И — б. 361 нест.
4. Л — даҳу ду.
5. Л — Зи.
6. ИЛЖ — Зи туркон.

www.sattor.com

Чу шамшери ҳиндӣ ба чанг оядаш,
Зи дарёву аз кӯҳ нанг оядаш.

Чу овози ӯ раъди ғурранда нест,
Чу бозуи ӯ теғи бурранда нест.

Ба Эрону Турон чун ӯ мард нест,
Зи гурдон кас ӯро ҳамовард нест.

Ба ном аст Сӯҳроб гурди далер,
На аз дев печад, на аз пилу шер.

Ту гӯӣ магар бегумон Рустам аст,
Ва ё гурде аз тухмаи Найрам аст[1]

Ҳаҷири диловар миёнро бубаст,
Яке бораи тезтак барнишаст.

Бишуд пеши Сӯҳроб размозмой,
Бар аспаш надидам фузун з-он ба пой,

Ки барҳам занад миҷжаро ҷагҷӯй,
Гирояд зи бинӣ сӯи мағз бӯй.

Ки Сӯҳробаш аз пушти зин баргирифт,
Бараш монда з-он бозу андар шигифт.

Дуруст асту акнун ба зинҳори ӯст,
Пурозор ҷону пур аз дард пӯст.

Саворони туркон[2] басе дидаам,
Инонпеч аз ин гуна нашнидаам.[3]

Мабодо, ки ӯ дар миёни ду саф
Яке марди ҷанговар орад ба каф.

---

1. И — б. 369-371 нест; Л-б. 370-371 нест;
ТПЗ — Чу эдар расид инчунин подшоҳ
Або лашкари номвар кинахоҳ.
2. Л — Зи Турону Эрон. Ж — Турон.
3. ТПЗ — Набошад ба гетӣ чу ӯ размсоз,
Магар пилтан гурди гарданфароз.
Ҳамоварди ӯ дар ҷаҳон сар ба сар
Набошад ба ҷуз Рустами Золи Зар.

www.sattor.com

Нахоҳам, ки бо ӯ ба саҳро бувад,
Ҳамовард агар кӯҳи хоро бувад.[1]

Бар он кӯҳ[2] бахшоиш орад замин,
Куҷо[3] асп ронад бар ӯ рӯзи[4] кин.

Агар дам занад шаҳрёр андар ин,
Наронад[5] сипоҳу насозад камин.

Аз Эрон ҳама фарраҳӣ рафта гир,
Ҷаҳон аз сари теғаш ошуфта гир.[6]

Зи мо моя гирад, ки худ зӯр ҳаст,
Нагирад касе дасти ӯро ба даст.

Инондор чун ӯ надидаст кас,
Ту гӯӣ, ки Соми савор асту бас.

Надорем мо тоби ин ҷангҷӯй[7]
Бад-ин гурзу чанголу оҳанги ӯй.

Сари бахти гурдон фурӯ хуфта гир,
Бузургиш бар осмон рафта гир.[8]

Буна инак имшаб ҳама барниҳем,
Ҳама рӯйро сӯи кишвар[9] ниҳем.

Агар худ шикебем якчанд низ,
Накӯшему дигар нагӯем чиз,

Ки ин бораро нест поёби ӯй,
Диpангӣ шавад шер з-иштоби ӯй.

1. ИЛ — б. 379 нест.
2. ИЛ — гуна.
3. ИЛЖ — Ки ӯ.
4. ИЛ — пур зи.
5. ЛЖ –Наёрад.
6. И — б. 382 нест.
7. Л — Надорем тоқат дар ин ҷанги ӯй.
8. И — б. 385, 386 нест
9. ИЛЖ — лашкар.

www.sattor.com

Чу нома ба мӯҳр-андар омад ба шаб,
Фиристода барҷасту бикшод лаб.

Бигуфташ, чунон рав, ки фардо пагоҳ
Набинад туро ҳеҷ кас з-он сипоҳ.[1]

Фиристод нома сӯи роҳ рост,
Паси нома[6] он гоҳ бар пой хост.[2]

ГИРИФТАНИ СӮҲРОБ ДИЖИ САПЕДРО

Чу хуршед барзад сар аз бурзи кӯҳ,
Миёнҳо бубастанд туронгурӯҳ.

Сипаҳдор Сӯҳроб найза ба даст
Яке бораи тезтак барнишаст.

Бад-он буд, ки гурдони дижро ҳама
Бигирад, бубандад ба сони рама.

Чу оҳанги диж кард, касро надид,
Хурӯше чу шери жиён баркашид.

Биёмад, дари диж кушоданд боз,
Надиданд дар диж касе*[3] сарфароз.[4]

Ба шаб рафта буданд бо Гаждаҳам
Саворони диждору гурдон ба ҳам,

Ки зери диж - андар яке роҳ буд,
Ки душман аз он раҳ на огоҳ буд.

1. И — б. 391 нест; Л — б. 391 ин б. омада.
2. Ж-Бубасту пас
Гусӣ кард нома ҳам андар замон
Ба наздики Ковус- шоҳи ҷаҳон.
ТПЗЛ — Ба зери диж -андар яке роҳ буд,
Куҷо Гаждаҳам з-он раҳ огоҳ буд.
Буна барниҳоду сар андаркашид,
Бад-он роҳи бероҳ шуд нопадид.
Ҳамон шаб аз он роҳи диж Гаждаҳам
Бурун шуд, ҳама дуда бо ӯ ба ҳам.
3. М — Яке.
4. ИЛЖ — Надиданд бар диж касе размсоз.

www.sattor.com

Чу Сӯҳробу лашкар бари диж расид,
Ба бора-дарун Гаждаҳамро надид.

Ҳар он кас, ки буд андар он ҷойгоҳ,
Гунаҳкор буданд, агар бегуноҳ,[1]

Ба фармон ҳама пеши ӯй омаданд.
Ба ҷон ҳар касе чораҷӯй омаданд.

Ҳаме ҷуст Гурдофариду надид,
Дилаш меҳру пайванди ӯ баргузид.

Ба дил гуфт аз ин пас: «Дареғо, дареғ!
Ки шуд моҳи тобанда дар зери меғ».[2]

Чу нома ба наздики хусрав расид,
Ғамӣ шуд дилаш, к-он суханҳо шунид.

Гаронмоягонро зи лашкар бихонд,
В-аз ин достон чанд гуна биронд.[3]

---

1. ИЛ — б. нест.
2. И — б. 404 нест;
ТПЗ — Маро чашмзахме аҷаб рӯ намуд,
Ки дахр опчунон сайде аз ман рабуд.
Ғариб оҳуе омадам дар каманд,
Ки аз банд ҷасту маро кард банд.
3. Парипайкаре ногаҳон рӯ намуд,
Диламро рабуду ғамамро фузуд.
Ба ногоҳ пинҳон шуд он дилрабо,
Шудам ман ба доғи ғамаш мубтало.
Зиҳӣ чашмбандӣ, ки он пурфусун
Ба теғам нахасту маро рехт хун.
Маро талх шуд зиндагӣ бе рухаш,
Танам шуд асири шакарпосухаш.
Надонам, чӣ кард он фусунгар ба ман,
Ки ногаҳ маро баст роҳи сухан.
Ба он разму он рӯю он гуфтугӯй
Набинам дигар дилбаре ҳамчу ӯй.
Аз он гуфтанаш ҳар гаҳ орам ба ёд,
Зи доғаш шавад сӯзу дардам зиёд.
Маро меҳнате бекарон рӯ намуд,
Ки аз ёр дурӣ ба ман гашт суд.
Ба зорӣ маро худ бибояд гирист,
Ки дилдори худро надонам, ки кист.
Ҳамегуфту месӯхт аз ғам басе,
Намехост розаш бидонад касе.

www.sattor.com

Нишастанд бо шоҳи Эрон ба ҳам
Бузургони лашкар ҳама бешу кам,

Чу Тусу чу Гударзи Кашводу Гев,
Чу Гургину Баҳрому Фарҳоди нев.

Вале ишқ пинҳон намонад, ки роз
Ба мардум намояд ҳаме ашк боз.
Ғами ҷон барорад хурӯш аз дарун,
Агарчанд ошиқ бувад зуфунун.
Зи бас меҳри он духти бофарру ҳанг
Намонд эч бар рӯи Сӯҳроб ранг.
Аз он кор Ҳумон набудаш хабар,
Ки Сӯҳробро ҳаст хун дар ҷигар.
Вале аз фаросат ба дил нақш баст,
Ки ӯро парешоние дод даст.
Ба доми касе пойбанд омадаст,
Зи зулфи буте дар каманд омадаст.
Ниҳон мекунад дарду хуниндил аст,
Ҳавас меравад роҳу по дар гил аст.
Яке фурсате ҷусту гуфташ ба роз,
Ки, эй шердил, гурди гарданфароз,
Бузургони пешин ба оину кеш
Гиромӣ надиданд касро чу хеш.
Надоданд беҳуда дилро зи даст,
Нагаштанд аз бодаи меҳр маст.
Сад оҳуи мушкин ба хамми каманд
Гирифтанду дилро накарданд банд.
Фиреби парипайкарони ҷавон
Нахоҳад касе, к-ӯ бувад паҳлавон.
Касеро расад гурдиву сарварӣ,
Ки Меҳри фалакро кунад Муштарӣ.
Ту, эй шердил, меҳтари девбанд,
Зи меҳри кӣ гаштӣ чунин мустаманд?
На расми ҷаҳонгириву сарварист,
Ки аз меҳри моҳе бибояд гирист,
Туро хонд фарзанд Афросиёб,
Туӣ сарвар имрӯз бар хушку об.
Зи Турон ба коре бурун омадем,
Шиновар ба дарёи хун омадем.
Сари марзи Эрон гирифтем танг,
Чунин диж ба осонӣ омад ба чанг.
Агарчанд ин кор бошад ба ком,
Вале ҳаст дар пеш ранҷе тамом.
Биёмад шаҳаншоҳ Ковусу Тус,
Чу Рустам, ки бо шер созад фусӯс.
Сипаҳдор Гударзу Геви далер,
Фаромарзу Баҳрому Руҳҳоми шер.

www.sattor.com

Сипаҳдор нома бар эшон бихонд,
Каму беши он паҳлавонро биронд.[1]

Чунин гуфт бо паҳлавонон ба роз,
Ки ин кор гардад ба мо - бар дароз.[2]

Чу Гургини Милоду Фарҳоди род,
Гуроза, ки аз пил бошад зиёд.
Чунин нарраашерони пӯлодчанг,
Камарбастаи кин паи ному нанг
Биёянд яксар ба пайкори мо,
Кӣ донад, ки худ чун шавад кори мо.
Туӣ марди майдони ин сарварон,
Чӣ корат ба ишқи парипайкарон?
Ба дил сард кун меҳри шӯхони шанг,
Ки фардо намонӣ зи мардони ҷанг.
Ту, эй навҷавон, аз далерии хеш
Гирифтӣ яке кори душвор пеш.
Агар якдилӣ, ком ҳосил кунӣ.
В-агар на, сар андар сари дил кунӣ,
Яқин дон, ки коре, ки дорад давом.
Баландӣ пазирад аз он кор ном,
Ту коре, ки дорӣ, набурдӣ ба сар,
Чаро даст ёзӣ ба кори дигар?
Ба нерӯю мардӣ ҷаҳонро бигир,
Зи шоҳон ба даст ор тоҷу сарир.
Чу кишвар ба дасти ту ояд фароз,
Ба ҳар ҷой хубон барандат намоз.
Касе хастаи меҳри дилбар бувад,
Ки ӯ аз зару зӯр лоғар бувад.
Ҳар он кас, ки шуд комрон дар ҷаҳон,
Парастиш кунандаш кеҳону меҳон.
Чу Ҳумон бад-ин сон сухан пеш бурд,
Саросар ба Сӯҳроби ял баршумурд.
Аз он гуфта Сӯҳроб бедор шуд,
Дилаш бастаи банди пайкор шуд.
Бигуфт, эй сари номдорони Чин,
Ба гуфтори хубат ҳазор офарин.
Шуд ин гуфти ту доруи ҷони ман,
Кунун бо ту нав гашт паймони ман.
Ҷаҳонро саросар чи хушку чи об,
Дарорам ба фармони Афросиёб.
Бигуфт ину дилро зи дилбар биканд,
Баромад бар афрози тахти баланд.
Зи фатҳи ҳисору диранги шитоб
Фиристод нома ба Афросиёб.
Аз он шод шуд шоҳи Туронзамин,
Ҳаме кард Сӯҳробро офарин.

1. И-б. 409 нест; Л — Бипурсид бисёру хира бимонд.
2. И — Ки, эй номдорони гарданфароз.

www.sattor.com

Бад-ин сон, ки Гаждаҳм гӯяд ҳаме,
Аз андеша дилро бишӯяд ҳаме.

Чӣ созему дармони ин дард[1] чист?
Ба[2] Эрон ҳамоварди ин мард кист?

Бар он барниҳоданд яксар, ки Гев
Ба Зобул шавад назди[3] солори нев.

Ба Рустам расонад аз ин огаҳӣ,
Ки бо бим шуд тахти шоҳаншаҳӣ.[4]

Мар ӯро бихонад[5] бад-ин размгоҳ,
Ки ӯяст эрониёнро паноҳ.[6]

Нишаст он гаҳе ройзан бо дабир,
Ки кори газоянда буд ногузир.

НОМАИ КОВУС БА РУСТАМ ВА ХОНДАНИ Ӯ АЗ ЗОБУЛИСТОН

Яке нома фармуд пас шаҳрёр
Набиштан бари Рустами номдор.

Нахуст офарин кард бар паҳлавон,
Ки бедордил бошу[7] равшанравон.

Бидон, к-аз раҳи турк зӣ мо саре[8]
Яке тохтан кард бо лашкаре.

Ба диж - дар нишастаст худ бо сипоҳ,
Бар он мардуми диж гирифтаст роҳ.

Яке паҳлавон аст гурду далер,
Ба тан жандапилу ба дил наррашер.

1. ИЛ — кор.
2. ИЛМ – Аз.
3. ИЛ — пеши.
4. И-б. 414 нест.
5. Л — Гави пилтанро.
6. Л — Бихонад, ки ӯяст пушти сипоҳ.
7. ИЛ — Ки бедор бодиву.
8. Л — номоваре.

www.sattor.com

Аз Эрон надорад касе тоби ӯй,
Магар ту, ки тира кунӣ оби ӯй.[1]

Чунин дон,[2] ки андар ҷаҳон ҷуз ту кас
Набошад ба ҳар кор фарёдрас.

Дилу пушти гурдони Эрон туӣ,
Ба чанголу нерӯи шерон туӣ.

Ситонандаи шаҳри Мозандарон,
Кушояндаи банди Ҳомоварон.[3]

Зи гурзи ту хуршед гирён шавад,
Зи теғи ту Баҳром бирён шавад.

Чу гарди паи Рахши ту нил нест,
Ҳамоварди ту дар ҷаҳон пил нест.

Каманди ту бар шер банд афганад,
Синони ту бар куҳ газанд афганад,[4]

Туӣ дар ҳама бад ба Эрон паноҳ,
Зи ту барфарозанд гурдон кулоҳ.[5]

Газоянда коре нав омад ба пеш,
К-аз андешаи он дилам гашт реш.

Нишастанд гурдон саросар ба ҳам,
Бихонданд он номаи Гаждаҳам.

1. ТПЗ — Туӣ паҳлавонзодаи шердил,
Зи душман рабуда ба шамшер дил.
Сарафрозу гарданкашу номвар,
Зи гурдони гетӣ бароварда сар.
Сипаҳдори номӣ, гави пилтан,
Сутуни ялон, нозиши анҷуман.
2. ИЛ — Чунон бод.
3. Л — б. 425 нест.
4. И — б. 428 нест.
5. ТПЗ — Дуруд аз худованди рӯзи шумор,
Ба Гаршоспу Найрам, ба Соми савор.
К-аз ин гуна доранд тухму нажод,
Ҷаҳонгиру шеравжани покзод.
Маро бахт равшан ба дидори туст,
Бувӣ хурраму ҷовидон тандуруст!

www.sattor.com

Бад-он гуна диданд гурдони нев,
Ки назди ту ояд гаронмоя Гев.[1]

Ба назди ту орад мар ин номаро,
Бидонӣ баду неки ин хомаро.

Чу нома бихонӣ ба рӯзу ба шаб
Макун достонро кушода ду лаб.

Агар даста дорӣ ба дастат, мабӯй,
Яке тез кун мағзу бинмой рӯй.[2]

Магар бо саворони бисёрҳуш
Зи Зобул биронӣ, барорӣ хурӯш.

Бар он сон, ки Гаждаҳм аз ӯ ёд кард,
Ҷуз аз ту набошад варо ҳамнабард.[3]

Чу нома ба мӯҳр омад, андарбидод
Ба Геви диловар[4] ба кирдори бод.[5]

Ба Гев он гаҳе гуфт: Биштоб зуд,
Инони таковар бибояд бисуд.

Набояд, ки чун назди Рустам шавӣ,
Ба Зобул бимонӣ в- агар биғнавӣ.

Агар шаб расӣ, рӯзро боз гард,
Бигӯяш, ки танг андаромад набард.

В-агар на фароз аст ин марди гурд,
Бадандешро хор натвон шумурд.[6]

---

1. И — б. 432 нест.
2. И — б. 435 нест;
   ТПЗ — В-агар хуфтаӣ, зуд барҷаҳ ба пой!
   В-агар худ бапоӣ, замоне мапой!
3. ТПЗ — Чу бархонӣ ин номаро, бедиранг
   Баророю баркаш сипаҳ сӯи ҷанг.
   Ниҳод аз бари нома мӯҳре чу қир
   Зи анбар баромехта в-аз абир.
4. Л — Савора бирафт ӯ.
5. И — б. 438 нест.
6. ИЛ — б. 442 нест.

www.sattor.com

Аз ӯ нома бистад ҳам андар[1] шитоб,
Бирафту наҷуст эч орому хоб.

Шабу рӯз тозон чу боди дамон,
На парвои обу на андӯҳи нон.[2]

Чу наздикии Зобулистон расид,
Хурӯши талоя ба Дастон расид,[3]

Ки омад саворе зи Эрон чу гард,
Ба зер-андараш бораи раҳнавард.

Таҳамтан пазира шудаш бо сипоҳ,
Ниҳоданд бар сар бузургон кулоҳ.

Пиёда шудаш Геву гурдон ба ҳам,
Ҳар он кас, ки бар зин буд аз бешу кам.

Аз асп андаромад гави номдор,
Аз Эрон бипурсиду аз шаҳрёр.

Зи раҳ сӯи айвони Рустам шуданд,
Замоне бибуданду дам бар заданд.

Бигуфт, он чи бишнид, нома бидод,
Зи Сӯҳроб чанде сухан кард ёд.

Зи неку зи бад огаҳӣ дод низ,
Ҳамон ҳадяҳоро бад-ӯ доду чиз.[4]

Таҳамтан чу бишниду нома бихонд,
Бихандиду з-он кор хира бимонд,

Ки монандаи Соми гурд аз меҳон
Саворе падид омад андар ҷаҳон.

---

1. Л — бурун шуд чу.
2. ИЛ — б. 444 нест.
3. Л — б. б. 445 ва И — б. б. 446 ин б. омада:
   Чу аз дидгаҳ дидбон бингарид,
   Сӯи Зобулистон инон баркашид.
4. И — б. 452 нест.

www.sattor.com

Аз озодагон ин набошад шигифт,
Зи туркон чунин[1] ёд натвон гирифт.

Нагӯяд кас, ин номдор аз куҷост,
Надонам кунун, к-ин савор аз куҷост.[2]

Ман аз духти шоҳи Самангон яке
Писар дораму ҳаст ӯ кӯдаке.

Ҳанӯз он гиромӣ надонад, ки ҷанг
Тавон кард гоҳе шитобу[3] диранг.

Фиристодамаш зарру гавҳар басе
Бари модари ӯ ба дасти касе.

Чунин посух овард, к-он арҷманд
Басе барнаояд, ки гардад баланд.

Ҳаме май хӯрад бо лаби ширбӯй,
Шавад бегумон зуд пархошҷӯй.

Чу ояд-ш ҳангом, тозад чу шер,
Басе сарваронро сар орад ба зер.

Аз ин сон, ки гӯӣ ту, эй паҳлавон,
Ки омад сӯи разми эрониён.

Зи бори Ҳаҷири диловар фиканд,
Бубасташ саросар ба хамми каманд.

Набошад чунин кори он баччашер
В-агарчанд гаштаст гурду далер.[4]

Ки Яздон зи душман барорад ҳалок.
Ба Гев он гаҳе гуфт пас пилтан,

1. Л — турк ин сухан; И — турк инчунин.
2. ТПЗ — Надонам дар ин раъйи Яздон ба чист?
Чунин паҳлавон турки фархунда кист?
3. ИЛ — вақти набарду.
4. ТПЗИ — Гар ӯяст, аз ӯ нест он тарсу бок.

www.sattor.com

Биё, то кунун сӯи айвон шавем,
Ба шодӣ сӯи кохи Дастон шавем.

Бубинем, то рои ин кор чист?
Ҳамин паҳлавон турки фархунда кист?

Биёмад сӯи кохи Дастон фароз
Яли паҳлавон Рустами сарфароз.

Худу Гев дар кохи Найрам[1] шуданд,
Замоне бибуданду[2] беғам шуданд.[3]

Дувумбораш офарин кард Гев,
Ки «Эй паҳлавони ҷаҳон, гурди нев!

Ба ту бод афрӯхта тоҷу тахт,
Ки зебандаи тоҷӣ, эй некбахт!

Маро шоҳ Ковус фармуду гуфт,
Ки дар Зобулистон набояд-т хуфт.

Агар шаб расӣ, рӯзро боз гард,
Мабодо, ки танг андарояд набард.

Кунун, эй сарафрози бообрӯй,
Ба Эрон бибояд шудан пӯй-пӯй».[4]

---

1. Л — хуррам.
2. Л — нишастанду.
3. ТПЗИ — Нагӯяд кас ин номдор аз куҷост,
Надонам кунун, к-ин савор аз куҷост.
Фириста чунин посух овард боз,
Ки дере набошад аз он сарфароз
Ба боло шавад ҳамчу сарви баланд,
Ба даст-андарун гурзу бар зин каманд.
Ба бозу қавию ба тан зӯрманд,
Ситора барорад зи чархи баланд.
Ҳамоно ки солаш набошад ду ҳафт,
Ба мардӣ бари чархи гарданда рафт.
Валекин ҳанӯзаш гаҳи разм нест,
Ҳамон дархури сур, дар базм нест.
* Такрори б. –546 в аст; ин б. дар «з» пас аз иловаи б. 465 омадааст, ки ба мақсад бештар мувофиқ менамояд.
4. ИЛ — б. 770-774 нест.

www.sattor.com

Чунин гуфт Рустам, к-«Аз ин бок нест,
Ки охир саранҷом ҷуз хок нест.

Ҳам эдар нишинем имрӯз шод,
Зи Ковусу гурдон нагирем ёд.

Бибошем як рӯзу дам барзанем,
Яке бар лаби хушк нам барзанем.

В-аз он пас битозем наздики шоҳ,
Ба гурдони Эрон намоем роҳ.

Магар бахти рахшанда бедор нест,
В-агарна чунин кор душвор нест.

Чу дарё ба мавҷ андарояд зи ҷой,
Надорад дами оташи тез пой.

Дурафши маро чун бубинад зи дур,
Дилаш мотам орад ба ҳангоми сур.

Чу монад ҳаме Рустами Золро,
Худованди шамшеру кӯполро,

Ҳамон низ чун Соми ҷангӣ бувад,
Далеру ҳушивору сангӣ бувад.

Бад ин тезӣ - андар[1] наёяд ба ҷанг,
Набояд гирифтан чунин кор танг.»

Ба май даст бурданду мастон шуданд,
Зи ёди сипаҳбад ба дастон шуданд.

Дигар рӯз шабгир ҳам пурхумор
Биёмад Таҳамтан, биёрост кор.

Зи мастӣ ҳамон рӯз боз истод,
Дувум рӯз[2] рафтан наёмад-ш ёд.

1. ИМ – зудӣ эдар.
2. Сеюм рӯз.

www.sattor.com

Бифармуд Рустам ба холигарон,
Ки андар замон овариданд хон.

Чу хон хӯрда шуд, маҷлис оростанд,
Маю руду ромишгарон хостанд.

Чу он рӯз бигзашт, рӯзи дигар
Баророст маҷлис чу рухсори х(в)ар.

Се дигар саҳаргаҳ биёвард май,
Наёмад варо ёди Ковуси кай.

Ба рӯзи чаҳорум баророст Гев,
Чунин гуфт бо гурди солори нев,

Ки Ковус тунд асту ҳушёр нест,
Ҳамин достон бар дилаш хор нест.

Ғамин*[1] буд аз ин кору дил пуршитоб,
Шуда дур аз ӯ хӯрду орому хоб.

Ба Зобулситон гар диранг оварем,
Замин пеши Ковус танг оварем.

Шавад шоҳи Эрон ба мо хашмгин,
Зи нопокроӣ дарояд ба кин.[2]

Бад-ӯ гуфт Рустам: «Маяндеш аз ин
Ки бо мо нашӯрад кас андар замин.»[3]

Бифармуд, то Рахшро зин кунанд,
Дам андар дами нои рӯин кунанд.[4]

---

1. М — Ғамӣ
2. ТПЗИЛ — Маро чанд гуфтаст* Ковусшоҳ,
Ки танг андаромад ба Эрон сипоҳ.
* Л — кард андар
3. ТПЗИЛ – Сабӯҳӣ аз он рӯз бархостанд,
Аз андешаҳо дил бипардохтанд.
4. Л — Чу оростанд аспи Рустам тамом
Ба заррин инону рикебу ситом.
И — Чу оростанд Рахши Рустам тамом
Ба зарринрикобу ба симинситом.

www.sattor.com

Саворони Зобул шуниданд ной,
Бирафтанд бо таргу ҷавшан зи ҷой.

Боророст Рустам сипоҳе гарон,
Завора шудаш бар сипаҳ паҳлавон.

ХАШМ ГИРИФТАНИ КОВУС БАР РУСТАМ

Чу Рустам биёмад ба наздики шоҳ,
Пазира шудандаш ба якрӯза роҳ.

Чу Тусу чу Гударзи Кашводагон
Пиёда шуда пеши аспаш давон.

Пиёда шуд аз асп Рустам ҳамон,
Гирифтанд пурсиш ба дил-дар[1] меҳон.

Гурозон[2] ба даргоҳи шоҳ омаданд,
Кушодадилу некхоҳ[3] омаданд.

Чу рафтанду бурданд пешаш намоз,
Барошуфту посух надод эч боз.

Шуда тунд Ковус, чин дар ҷабин,
Шуда рост монанди шери арин.[4]

Яке бонг барзад ба Гев аз нахуст,
Пас он гоҳ шарм аз ду дида бишуст,

Ки «Рустам кӣ бошад, ки фармони ман
Кунад пасту печад зи паймони ман?

Агар теғ будӣ кунун пеши ман,
Сараш кандаме чун турунҷе зи тан.

Бигираш, бибар зинда бар дор кун,
В-аз ӯ низ макшой бо ман сухун.

1. ЛМ — бар ӯ бар.
2. Л — Аз он ҷо.
3. Л — Або шодмонӣ ба роҳ.
4. И — б. 505, 506 нест.

www.sattor.com

Зи гуфтори ӯ Гевро дил бихаст,
Ки бурдӣ ба Рустам бад-ин гуна даст.

Барошуфт бо Геву бо пилтан,
Бад-ӯ хира монда ҳама анҷуман.

Бифармуд пас Тусро шаҳрёр,
Ки рав, ҳар дуро зинда бар кун ба дор!

Худ аз ҷой бархост Ковуси кай,
Барафрӯхт бар сони оташ зи най.

Бишуд Тусу дасти Таҳамтан гирифт,
Бад-ӯ монда пархошҷӯён шигифт,

Ки аз пеши Ковус берун барад,
Магар андар он тезӣ афсун барад.[1]

Таҳамтан барошуфт бо шаҳрёр,
Ки чандин мадор оташ андар канор.

Ҳама корат аз якдигар бадтар аст,
Туро шаҳрёрӣ на андарх(в)ар аст.[2]

Ту он туркро[3] зинда бар дор кун,
Барошӯбу бадхоҳро хор кун.

Ҳама Руму Саксору Мозандарон
Чу Мисру чу Чину чу Ҳомоварон

Ҳама банда дар пеши Рахши мананд,
Ҷигархастаи теғу тахши мананд.

---

1. Л — б. 516 ин б. омада:
Гирифта ҳаме Тус дасташ ба даст,
Шуда Рустам аз хашми Ковус маст.
2. ТПЗ — Чунин тоҷ бар тораки бебаҳо
Басе беҳтар андар дами аждаҳо,
Ман он Рустами Золи номоварам,
Ки аз чун ту шаҳ хам нагирад сарам.
3. ИЛ — Сӯҳробро.

www.sattor.com

Ту андар ҷаҳон худ зи ман зиндаӣ,
Ба кина чаро дил парокандаӣ?[1]

Бизад тунд як даст бар дасти Тус,
Ту гуфтӣ зи пили жиён ёфт кӯс.

Зи боло нагун омад-андар ба сар,
Бар ӯ кард Рустам ба тундӣ гузар.

Бурун шуд, ба хашм андаромад ба Рахш,
Манам- гуфт- шеравжани тоҷбахш.

Чу хашм оварам, шоҳ Ковус кист?
Чаро даст ёзад ба ман? –Тус кист?

Маро зӯру фирӯзӣ аз довар аст,
На аз подшоҳу на аз лашкар аст.[2]

Замин бандаву Рахш гоҳи ман аст,
Нигин гурзу*[3] миғфар кулоҳи ман аст.

Сари найзаву гурз ёри мананд,
Ду бозуву дил шаҳрёри мананд.

Шаби тира аз теғ рахшон кунам,
Бар овардгаҳ-бар сар афшон кунам.

Чӣ озорадам ӯ*[4]? На ман бандаам,
Яке бандаи офаринандаам.

Далерон ба шоҳӣ маро хостанд,
Ҳамон гоҳу афсар биёростанд.

Сӯи тахти шоҳӣ накардам нигоҳ,
Нигаҳ доштам расму оину роҳ.

Агар ман пазируфтаме тоҷу тахт,
Набудӣ туро ин бузургиву бахт.

1. Л — биёгандаӣ; И — б. 520 — 522 нест.
2. ИЛ — б. 527 нест.
3. М — теғу.
4. М — Ки озод зодам.

www.sattor.com

Ҳама ҳар чи гуфтӣ, сазои ман аст,
Зи ту некуиҳо ба ҷои ман аст.

Нишондам бад-ин тахт ман Кайқубод,
Чи Ковус донам, чи хашмаш, чи бод.[1]

В-агар Кайқубодам зи Албурзкӯҳ
Ба зорӣ фитода миёни*[2] гурӯҳ,

Наёвардаме ман ба Эронзамин,
Набастӣ камарбанду шамшери кин,[3]

Туро ин бузургӣ набудиву ком,
Ки гӯӣ[4] суханҳо ба Дастони Сом![5]

Ба эрониён гуфт: Сӯҳроби*[6] гурд
Биёяд, намонад[7] бузургу на хурд.

Шумо ҳар яке[8] чораи ҷон кунед,
Хирадро бад-ин кор дармон[9] кунед.

Ба Эрон набинед з-ин пас маро,
Шуморо замин, парри каргас маро.

Бизад аспу аз пеши эшон бирафт,
Ҳама пӯст бар тан-ш гуфтӣ бикафт.[10]

---

1. ИЛ-б. 536 нест.
2. М — ба дур аз.
3. ИЛ — б. 539 нест.
4. Л — гуфтӣ.
5. ТПЗ — Агар ман нарафтӣ* ба Мозандарон
Ба гардан бароварда гурзи гарон,
Кӣ кандӣ дилу мағзи Деви Сапед,
Киро буд бар бозуи худ умед?
Чу баргуфт з-ин гуна гуфтор чанд
Ба гурдон дари панду бикшуд банд!

* З — нарафтам
6. М — он турки.
7. Л — Биёям, намонам.
8. ИЛ — касе.
9. ИЛ — бар ин кор печон.
10. Л — б. 543 нест.

www.sattor.com

Ғамин[1] шуд дили номдорон*[2] ҳама,
Ки Рустам шубон буду эшон рама.

Ба Гударз гуфтанд, к-Ин кори туст,
Шикаста ба дасти ту гардад дуруст.

Сипаҳбад чу аз ту сухан бишнавад,
Ба гуфтори ту бегумон бигравад.

Ба наздики он[3] шоҳи девона шав,[4]
В-аз ин дар сухан ёд кун нав ба нав.

Суханҳои чарбу[5] дароз оварӣ,
Магар бахти гумбуда боз оварӣ.

Ҳамон гаҳ нишастанд бо якдигар
Саросар бузургони пархошхар.

Чу Геву чу Гударзу Баҳроми шер,
Чу Руҳҳому Гургин - савори далер.

Ҳаме он бад-ин, ин бад-он гуфт: Шоҳ
Надорад дили номдорон*[6] нигоҳ.

Чу Рустам, ки ҳаст ӯ ҷаҳонпаҳлавон,
Бубахшид Ковуси кайро равон.

Ба ранҷу ба сахтиш фарёдрас
Набудаст ҳаргиз ҷуз ӯ ҳеч кас.

Чу бастанд девони Мозандарон,
Ҳам он шоҳу ҳам мо ба*[7] банди гарон.

Зи баҳраш чӣ ранҷу чӣ сахтӣ кашид,
Ҷигаргоҳи деви дижам бардарид.

---

1. ИЛ — Ғамӣ
2. М — Ғамӣ шуд дил эрониёнро.
3. ИЛ — ин.
4. ИЛ — рав.
5. Л — хубу.
6. М — ба расму ба оин.
7. М — Ин шоҳу гурдон.

www.sattor.com

Ба шодиш бар тахти шоҳӣ нишонд,
Бар ӯ офарини бузургон бихонд.

Дигар раҳ чу ӯро ба Ҳомоварон
Бубастанд пояш ба банди гарон.[1]

Зи баҳраш чунон шаҳрёрон бикушт,
Ба Ҳомоварон ҳеч нанмуд пушт,

Биёвард ӯро сӯи тахт боз,
Ба шоҳӣ ҳаме бурд пешаш[2] намоз.

Чу подоши ӯ бошад овехтан,
Набинем ҷуз рӯи бигрехтан.

Валекин кунун аст ҳангоми кор,
Ки танг андаромад чунин рӯзгор.[3]

Сипаҳдор Гударзи Кашвод рафт,
Ба наздики хусрав хиромид тафт.

Ба Ковуси кай гуфт: «Рустам чӣ кард,
К-аз Эрон баровардӣ имрӯз гард?

Фаромӯш кардӣ зи Ҳомоварон,
В-аз он кори девони Мозандарон?

Ки гӯӣ варо зинда бар дор кун,
Зи шоҳон набояд газофа сухун.[4]

---

1. Л — б. 555-557 нест И — б. 555,556 нест.
2. И — вайро.
3. ТПЗИЛ — Набояд, ки оянда эдар ба танг,
Чу эдар набинанд моро ба ҷанг*.
Чӣ созем акнун, ки Рустам бирафт,
Сӯи Зобулистон хиромид тафт.
Абе ӯ набошем дар разм шод,
Ҳама разми мо гашт акнун чу бод.
Касе бояд акнун ба рафтан дамон,
Магар бозгардонад он паҳлавон.
* Л — танҳо ин як б. мавҷуд аст.
4. ТПЗИЛ — Мукофоти Рустам намудӣ дуруст,
Зи шоҳон кас ин рой ҳаргиз наҷуст;
И-б. боло ин б. омада:

www.sattor.com

Чу ӯ рафту омад сипоҳи бузург
Або[1] паҳлавоне ба кирдори гург,[2]

Кӣ дорӣ, ки бо ӯ ба дашти набард
Шавад, барфишонад бар ӯ тира гард?

Ялони туро сар ба сар Гаждаҳам
Шунидасту дидаст аз бешу кам.

Ҳамегӯяд, он рӯз ҳаргиз мабод,
Ки бо ӯ саворе кунад разм ёд!

Касеро, ки ҷангӣ[3] чу Рустам бувад,
Биёзорад ӯро, хирад[4] кам бувад».

Чу бишнид гуфтори Гударз шоҳ,
Бидонист к-ӯ дорад оину роҳ.

Пушаймон шуд, аз ҳар чи он[5] гуфта буд,
Ба беҳудагӣ мағзаш ошуфта буд.

Ба Гударз гуфт: «Ин сухан дарх(в)ар аст,
Лаби пир бо панд некӯтар аст.[6]

Хирад бояд андар сари шаҳрёр,[7]
Ки тезиву тундӣ наёяд ба кор.

Шуморо бибояд бари ӯ шудан,
Ба хубӣ басе достонҳо задан.

Сараш кардан аз тезии ман тиҳӣ,
Намудан бар ӯ рӯзгори беҳӣ.

Бад-он сон ки Гаждаҳм ҷӯяд ҳаме,
Зи андеша дилро бишӯяд ҳаме.

1. Л — Яке.
2. И — б. 566 нест.
3. Л — мардӣ.
4. Л — Биронад, хирад дар сараш.
5. Л — аз он шуд, куҷо.
6. И — б. 571 – 573 нест.
7. Л — Хирадманд бояд дили шаҳрёр.

www.sattor.com

Биёвар ту ӯро ба наздики ман,
Ки равшан шавад ҷони торики ман».[1]

Чу Гударз бархост аз пеши ӯй,
Паси паҳлавон тез бинҳод рӯй.

Бирафтанд бо ӯ сарони сипоҳ,
Паси[2] Рустам-андар гирифтанд роҳ.

Чу диданд бар раҳ гави пилтан,
Ҳама номдорон шуданд анҷуман.

Ситоиш гирифтанд бар паҳлавон,
Ки ҷовид бошиву равшанравон!

Ҷаҳон сар ба сар зери пои ту бод!
Ҳамеша сари тахт ҷои ту бод!

Ту донӣ, ки Ковусро мағз нест,
Ба тезӣ[3] сухан гуфтанаш нағз нест.

Бигӯяд,[4] ҳамон гаҳ пушаймон шавад,
Ба хубӣ зи сар боз паймон шавад.

Таҳамтан гар озурда гардад зи шоҳ,
Мар[5] эрониёнро набошад гуноҳ.

Ки бугзорад[6] ин шаҳри Эрон ҳаме,
Кунад[7] рӯи фархунда пинҳон ҳаме.

Ҳам ӯ з-ин[8] суханҳо пушаймон шудаст,
Зи тундӣ бихояд ҳаме[9] пушти даст.

1. ИЛ — б. 577 нест.
2. Л — Паи.
3. Л — тундӣ.
4. Л — Бичӯшад.
5. ИЛ — Ҳам.
6. Л — бигзорӣ.
7. Л — Кунӣ.
8. ИЛМ — Кунун з-он.
9. Л — ҳаме хояд ӯ.

www.sattor.com

Таҳамтан чунин посух овард боз,
Ки «Ҳастам зи Ковуси кай бениёз.

Маро тахт зин бошаду тоҷ тарг,
Қабо ҷавшану дил[1] ниҳода ба марг.

Чи Ковус пешам, чи як мушти хок,
Чаро дорам аз хашми ӯ тарсу[2] бок?

Сазоям бад-ин гуфтани носазо,
Ки гӯяд ба тундӣ маро подшо,

Ки ӯро зи банд овaридам бурун,
Сӯи тоҷу тахташ будам раҳнамун.

Гаҳи разми девони Мозандарон,
Гаҳи ҷанг бо шоҳи Ҳомоварон

Зи банду зи сахтӣ раҳонидамаш,
Чу дар дасти душман чунон дидамаш.[3]

Сарам гашт серу дилам кард бас.
Ҷуз аз пок Яздон натарсам зи кас.»

Зи гуфтор чун сер шуд Таҳмтан,[4]
Чунин гуфт Гударз бо пилтан,

Ки шоҳу далерони гарданкашон,[5]
Ба дигар суханҳо баранӣ гумон.[6]

К-аз ин турк тарсанда шуд сарфароз,[7]
Ҳаме гӯяд ин гуна ҳар кас ба роз,[8]

---

1. Л — тан.
2. ИЛ — Ковус.
3. ИЛ — б. 591 нест;
   ТПЗ — Зи дониш надорад сараш огаҳӣ,
   Магар тезиву тундиву аблаҳӣ.
4. Л — ӯ хира шуд анҷуман. Ж-сард шуд анҷуман.
5. Л — лашкар гумон.
6. Л — баранд ин замон. Ж-ин гумон.
7. И — тарсиду баргашт боз.
8. И — Ҳамегуфт аз ин гуна чанде ба роз.

www.sattor.com

К-аз он сон, ки Гаждаҳм дод[1] огаҳӣ,
Ҳама буму бар гардад аз мо[2] тиҳӣ,

Ки чун Рустам аз вай[3] битарсад ба ҷанг,
Марову туро нест ҷои диранг.

Зи ошуфтани шоҳу пайкори ӯй
Бидидам ба даргоҳ-бар гуфтугӯй.

Зи Сӯҳроби ял рафт[4] яксар сухун,
Чунин пушт бар шоҳи Эрон макун!

Чунин бар шуда номат андар ҷаҳон,
Бад-ин бозгаштан магардон ниҳон.

Ва дигар ки танг андаромад сипоҳ,
Макун тира бар хира ин тоҷу гоҳ,

Ки нанг аст бар мо зи Туронзамин
Писанда набошад бари покдин.[5]

Ба Рустам-бар ин достонҳо бихонд,
Таҳамтан чу бишнид, хира бимонд.[6]

Бад-ӯ гуфт: Агар бим дорад дилам,
Нахоҳам ба тан ҷон аз ӯ бугсилам,[7]

Ту донӣ, ки нагрезам аз корзор,
Валекин сабук дорадам шаҳрёр.[8]

---

1. ИЛМЖ – Ки чун Гаждаҳам додамон.
2. Л — Чи буму чи бар кард бояд; И — Ҳама буму бар кард бояд.
3. Л — Чу Рустам ҳаме з-ӯ.
4. Л — турк аст; И — пур гашт.
5. Л — б. 605 нест.
6. ТПЗЛ - Ба посух чунин гуфт Гударзро,
   Ки бисёр паймудам ин марзро.
7. Л — Зи пархошгар бим дорад дилам,
   Бихоҳам, ки сарро зи тан бугсилам.
8. И — б. 603 — 608 нест; Л — б. б. 608 ин б. омада:
   Нагӯяд бад-ӯ гуфт, халқ ин сухан,
   Ҷуз аз ту худ, эй пиргурги куҳан.

www.sattor.com

Чунин дид Рустам аз он[1] кори ӯй,
Ки баргардад, ояд ба дарбори[2] ӯй.[3]

Аз он нанг баргашту омад ба роҳ,
Хиромон бишуд пеши Ковусшоҳ.

Чу аз дур шаҳ[4] дид, бар пой хост,
Басе пӯзиш андаргузашту бихост,[5]

Ки тундӣ маро гавҳар асту сиришт,
Чунон руст бояд, ки Яздон бикишт.

В-аз ин носиголида бадхоҳи нав,
Дилам гашт борик чун моҳи нав.

Бад-ин чора ҷустан туро хостам,
Чу дер омадӣ, тундӣ оростам.

Чу озурда гаштӣ ту, эй пилтан,
Пушаймон шудам, хокам андар даҳан![6]

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки кайҳон туро ст,
Ҳама кеҳтаронему фармон туро ст.

Ҳамон бар дари ту яке кеҳтарам,
В-агар кеҳтариро худ андарх(в)арам.[7]

---

1. И — гуфт бо Рустам аз
2. И — аз ҷангу пайкори; Л — наздики.
3. И — б. б. 609 ин б. омада:
   Дигаргуна шуд рои пайкорҷӯй,
   Ки баргардад эдар ба наздики ӯй.
   Ба Гударз гуфт он гаҳе пилтан,
   Ки, эй паҳлавон, меҳтари анҷуман.
4. Л — шаҳ мардро.
5. ТПЗ — В-агарна маро пушти лашкар туӣ,
   Дар ин тахти шоҳим афсар туӣ.
   Ба ёди ту нӯшам ҳама рӯз ҷом,
   Ба меҳри ту кӯшам ҳама субҳу шом,
   Маро шоҳӣ аз фарру авранги туст,
   Зи Ҷамшед бошем ҳар ду дуруст
   Туро хоҳам андар ҷаҳон ёру бас,
   Ки бошӣ ба ҳар кор фарёдрас.
6. Л — б. 615 нест.
7. Л — б. 617 нест.

www.sattor.com

Кунун омадам, то чӣ фармон диҳӣ,
Ту шоҳи ҷаҳондориву ман раҳӣ.

Чунин гуфт Ковус, к-«Эй паҳлавон,
Туро бод пайваста равшан равон!

Чунин беҳтар ояд, ки[1] имрӯз[2] базм
Бисоземӯ фардо гузинем разм.»

Биёрост ромишгаҳи шоҳвор,
Шуд айвон ба кирдори боғи баҳор.

Гаронмоягонро ҳаме хонданд,
Бад-он хуррамӣ гавҳар афшонданд.

Аз овози абрешиму бонги ной
Суманчеҳрагон пеши хусрав ба пой.

Ҳаме бода хӯрданд то ними шаб
Ба ёди бузургон кушода ду лаб.[3]

Бихӯрданд май, то ҷаҳон тира гашт,
Дили номдорон зи май хира гашт.

Ҳама маст буданду гаштанд боз,
Бипаймуда гурдон шаби дерёз.

ЛАШКАР КАШИДАНИ КОВУС БО РУСТАМ

Чу хуршед он чодари қиргун
Бидарриду аз парда омад бурун,

Бифармуд Ковус то Геву Тус
Бибастанд бар кӯҳаи пил кӯс.

Дари ганҷ букшоду рӯзӣ бидод,
Сипаҳ барнишонду буна барниҳод.

1. Л — Биё, то ба шодӣ як.
2. И — Бад-ӯ гуфт Ковус к-имрӯз.
3. ИЛ — Кушоданд ромишгарон ҳар ду лаб.

www.sattor.com

Сипаҳдору ҷавшанварон сад ҳазор
Шумурда, ба лашкаргаҳ омад савор.

Яке лашкар омад зи паҳлӯ ба дашт,
Ки аз гарди аспон[1] ҳаво тира гашт.

Саропардаву хайма зад бар ду мил,
Бипӯшид гетӣ ба наълу ба пил.[2]

Ҳаво нилгун шуд, замин обнӯс,
Биҷунбид ҳомун зи овои кӯс.

Ҳаме рафт манзил ба манзил сипоҳ,[3]
Шуда рӯи хуршеди тобон сиёҳ.[4*5]

Дурафшидани хишту ҷӯпин зи гард
Чу оташ паси пардаи лоҷвард.

Зи бас гуна-гуна синону дурафш,
Сипарҳои заррину заррина кафш

Ту гуфтӣ, ки абре ба ранг обнус
Биёмад,[6] биборид аз ӯ сандарус.

Ҷаҳонро шаб аз рӯз пайдо набуд,
Ту гуфтӣ сипеҳру сурайё набуд.

Аз ин сон бишуд, то дари диж расид,
Шуда хоку санг аз ҷаҳон нопадид.

Хурӯше баланд омад аз дидгоҳ,
Ба Сӯҳроб бинмуд, к-омад сипоҳ.

Чу Сӯҳроб аз он гуна ово шунид,
Ба бора баромад, сипаҳ бингарид.

---

1. Л — эшон.
2. И — б. 632 нест.
3. Л — ҷаҳон.
4. Л — Ҷаҳон шаб шуда, рӯз гашта ниҳон; Ж-шабу рӯз гашта сиёҳ.
5. М — Ҷаҳон чун шабу рӯз гашта.
6. ЛМ — Баромад.

www.sattor.com

Ба ангушт лашкар ба Ҳумон намуд,
Сипоҳе, ки онро карона набуд.

Чу Ҳумон зи дур он сипаҳро бидид,
Дилаш гашт пурбиму дам даркашид.[1]

Ба Ҳумон чунин гуфт Сӯҳроби гурд,
Ки андеша аз дил бибояд сутурд.

Набинӣ ту з-ин лашкари бекарон
Яке марди ҷангиву гурзи гарон,[2]

Ки пеши ман ояд ба овардгоҳ,
Гар эдун, ки ёрӣ диҳад ҳуру моҳ.

Силеҳ аст бисёру мардум басе,
Сарафроз номӣ надонам касе.

Кунун ман ба бахти шаҳ Афросиёб,
Кунам даштро ҳамчу дарёи об.

Ба тангӣ[3] надод эч Сӯҳроб дил,
Фуруд омад аз бора, шодоб дил.

Яке ҷоми май хост аз майгусор,
Накард эч ранҷа дил аз корзор.[4]

В-аз он сӯ саропардаи шаҳрёр
Кашиданд бар дашт пеши ҳисор.

Зи бас хаймаву марду пардасарой
Намонд эч бар дашту бар кӯҳ ҷой.

---

1. ИЛ — б. б. 643 ин б. омада:
Бад-ӯ гуфт Сӯҳроби ҷангозмой,
Ки дил дор бар ҷою рух ҳам ба ҷой.
2. ИЛ — б. 645 нест.
3. Л — тундӣ.
4. ТПЗ — Биёрост базму ба хӯрдан нишаст,
Ба гирдаш далерони хусравпараст.

www.sattor.com

КУШТАНИ РУСТАМ ЖАНДАРАЗМРО

Чу хуршед гашт аз ҷаҳон нопадид,
Шаби тира бар рӯз доман кашид,

Таҳамтан биёмад ба наздики шоҳ,
Миён бастаи разму[1] дил кинахоҳ,

Ки дастур бошад маро тоҷвар,
К-аз эдар шавам бекулоҳу камар.

Бубинам, ки ин навҷаҳондор кист?
Бузургон кадоманду солор кист?

Бад-ӯ гуфт Ковус, к-«Ин кори туст,
Ки равшанравон бодиву[2] тандуруст,

Ҳамеша нигаҳдор Яздон-т бод,
Ба коми дилу рою паймон-т бод!»[3]

Таҳамтан яке ҷомаи турквор
Бипӯшиду омад ниҳон то ҳисор.

Биёмад, чу наздикии диж расид,
Хурӯшидану бонги[4] туркон шунид.

Бад-он диж-дарун[5] рафт марди далер,
Чунон чун сӯи[6] оҳувон наррашер.

Якояк саронро нигаҳ карду дид,
Зи шодӣ рухонаш чу гул бишкуфид.

Бад-он гаҳ, ки Сӯҳроб оҳанги ҷанг
Намуду гаҳи рафтан омад-ш танг,

Ҳаме хонд пас модараш Жандаразм,
Ки ӯ дида буд паҳлавон гоҳи базм.

1. ЛЖ — ҷангу; И — баста бар ҷангу.
2. ЛМ — Ки бедордил бошиву.
3. Л — б. 658 нест.
4. И — Хӯрӯшидани кӯси; Л — Хӯрӯшидани нӯши.
5. ИЛ — фурӯ.
6. И — бари.

www.sattor.com

Буд ӯ пури шоҳи Самангонзамин
Ҳамон холи Сӯҳроби боофарин

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй гурди равшанравон,
Фиристам-т ҳамроҳи ин навҷавон,

Ки чун номвар сӯи Эрон расад,
Ба наздики шоҳи далерон расад.

Чу танг андарояд сипаҳ рӯзи кин,
Падарро намоӣ ба пури гузин.»[1]

Чу Сӯҳробро дид бар тахти базм,
Нишаста ба як дасти ӯ Жандаразм.

Ба дигар чу Ҳумон - савори далер,
Дигар Бормон - номбардор шер.

Ту гуфтӣ ҳама тахт Сӯҳроб буд,
Ба сони яке сарви шодоб буд.

Ду бозу ба кирдори рони ҳаюн,
Бараш чун бари шеру чеҳра чу хун[2]

Зи гурдон[3] ба гирд-андараш сад далер,
Ҷавону[4] сарафроз чун наррашер.

Парастор панҷоҳ бо дастбанд
Ба пеши дилафрӯз тахти баланд.

Ҳама як ба як хонданд*[5] офарин
Бад-он бурзу болову теғу нигин.

Ҳаме буд Рустам бад-он ҷо зи дур,
Нишаста нигаҳ кард мардони Тур.

---

1. Л — б. 662-668 нест; И — б. 663-668 нест.
2. Л-б.б.
   Ба тан пилвору ба боло баланд,
   Ба беша-дар аз бим шераш ба банд.
3. ИЛМ – туркон.
4. ИЛ — Ялони.
5. М — Ҳаме хонд ҳар кас бар ӯ.

www.sattor.com

Ба шоиста коре бурун рафт Жанд,
Гаве дид бар сони сарви баланд.

Бад-он лашкар андар чун ӯ кас набуд,
Бисудаш ба тундиву пурсид[1] зуд.

«Чӣ мардӣ? –бад ӯ гуфт, — бо ман бигӯй,
Сӯи равшанӣ ою бинмой рӯй.»

Таҳамтан яке мушт бар гарданаш
Бизад тезу[2] баршуд[3] равон аз танаш.

Бад-он ҷойгаҳ хушк шуд Жандаразм,
Сар омад бар ӯ рӯзи пайкору базм.[4]

Замоне ҳаме буд Сӯҳроб дер,
Наёмад ба наздики ӯ жандашер.

Нигаҳ кард Сӯҳроб, то Жандаразм
Куҷо шуд, ки ҷояш тиҳӣ шуд зи базм.[5]

Бирафтанду дидандаш афканда хор,
Баросуда аз базму аз корзор.*[6]

Хурӯшон пур аз дард боз омаданд,
Зи дардаш дил андар гудоз омаданд.

Ба Сӯҳроб гуфтанд: Шуд Жандаразм,
Сар омад бар ӯ кори пайкору базм.

Чу бишнид Сӯҳроб, барҷаст зуд,
Биёмад бари Жанда бар сони дуд.

1. ИЛМ –Бари Рустам омад, бипурсид.
2. И — сахт.
3. Л — Бизад, то бурун шуд.
4. Л — Саромад-ш базму сар омад-ш разм.
5. ТПЗИЛ -Биёмад яке,* дид ӯро нагун,
Фитода,** шуда ҷонаш аз тан бурун
Зи кораш бигуфтанд Сӯҳробро,
Ба худ талх кардаш хӯру хобро.
* Л — касу; ** Л — табоҳу.
6. М — Бирафтанду диданд ӯро нагун,
Табоҳу шуда ҷонаш аз тан бурун.

www.sattor.com

Або чокару шамъу хунёгарон
Биёмад, варо дид мурда чунон.

Шигифт омадаш сахту хира бимонд,
Далерону кундоваронро[1] бихонд.

Бад-эшон чунин гуфт Сӯҳроби шер,
Ки «Эй бихрадону радони[2] далер.

Як имшаб шуморо[3] набояд ғунуд,
Ҳама шаб сари[4] найза бояд бисуд,

Ки гург андаромад миёни рама,
Сагу мардро дид дар дамдама.[5]

Рабуд аз далерон яке гӯсфанд,
Ба зориву хориш чунин фиканд.[6]

Агар ёр бошад ҷаҳонофарин,
Чу наъли самандам бисояд замин,

Зи фитроки зин баркушоям каманд,
Бихоҳам зи эрониён кини Жанд.»

Биёмад, нишаст аз бари гоҳи хеш,
Гаронмоягонро ҳама хонд пеш,

Ки гар[7] гум шуд аз тахти[8] ман Жандаразм,
Наёяд ҳаме сер ҷонам зи базм.[9]

Чу баргашт Рустам бари шаҳрёр,
Аз эронсипаҳ Гев буд посдор.

---

1. ИЛ –гарданкашонро.
2. Л — бихрадону ялони.
3. И — Чунин гуфт, к-имшаб.
4. И — ҳаме.
5. И — озмудаш ҳама; Л — озмуд ӯ ҳама.
6. ИЛ — б. 693 нест.
7. И — Агар.
8. И — бахти.
9. И — б. б. 697 ин б. омада:

Ба Ҳумон бифармуд, то май х(в)арем,
Ҳама лашкари ғам ба май бишкарем.

www.sattor.com

Ба раҳ-бар гави пилтанро бидид,
Бизад дасту теғ аз миён баркашид.

Яке бархурӯшид чун пили маст,
Сипар бар сар оварду бинмуд[1] даст.

Бидонист Рустам, к-аз эронсипоҳ
Ба шаб Гев бошад талоя ба роҳ.

Бихандиду з-он пас фиғон баркашид,
Талоя чу овози Рустам шунид,

Пиёда биёмад ба наздики ӯй,
Чунин гуфт, к-эй меҳтари киначӯй.[2]

Пиёда куҷо будаӣ тирашаб?
Таҳамтан ба гуфтор букшод лаб.

Бигуфташ ба Гев, он куҷо карда[3] буд,
Чунон шермарде, ки озарда[4] буд.

Бар ӯ офарин кард Геви гузин,
Ки бе ту мабод аспу кӯполу зин!

В-аз он ҷойгаҳ рафт наздики шоҳ,
Зи туркон сухан гуфту аз размгоҳ.[5]

Зи Сӯҳробу аз бурзу болои ӯй,
Зи бозуву китфу бару пои ӯй,

Ки ҳаргиз зи туркон чунин кас нахост,
Ба кирдори сарвест, болош рост.

Аз Эрону Турон намонад ба кас,
Ту гӯӣ, ки Соми савор асту бас.

В-аз он мушт бар гардани Жандаразм,
К-аз он пас наёмад ба разму ба базм.

1. ИЛ — бикшод.
2. ЛМ — некчӯй; И — б. 703 нест.
3. И — рафта.
4. И — ӯ кӯфта.
5. Л — базмгоҳ; И — в-аз базму гоҳ.

www.sattor.com

Бигуфтанду пас руду май хостанд,
Ҳама шаб ҳаме лашкар оростанд.

ПУРСИДАНИ СӮҲРОБ НОМИ САРДОРОНИ ЭРОН АЗ ҲАҶИР

Чу хуршед бардошт[1] зарринсипар,
Замона баровард аз чарх сар.

Бипӯшид Сӯҳроб хафтони ҷанг,
Нишаст аз бари ҷармаи нилранг.[2]

Яке теғи ҳиндӣ буд андар бараш,*[3]
Яке миғфари хусравӣ бар сараш.

Каманде ба фитрок бар шаст хам,
Хам андар хаму рӯй карда дижам.

Биёмад яке, тунд боло гузид
Ба ҷое, ки эронсипаҳро бидид.

Бифармуд, то рафт пеши[4] Ҳаҷир,
Бад-ӯ гуфт: «Кажжӣ наёяд зи тир.[5]

Ба ҳар кор-дар пеша кун ростӣ,
Чу хоҳӣ, ки нагзоядат костӣ.

Сухан ҳар чӣ пурсам, ҳама рост гӯй,
Ба кажжӣ макун рою чора маҷӯй.[6]

Чу хоҳӣ, ки ёбӣ раҳоӣ зи ман,
Сарафроз бошӣ ба ҳар анҷуман,

---

1. И — Бифканд.
2. ЛЖ — нилранг, хубранг; ИЛ — б.б. 714 ин б. омада:
   Чу афканд хур сӯи гардун* каманд,
   Замона баромад ба чархи баланд.
   * И — сар сӯи боло.
3. М — Паранде барафканд андар бараш.
4. Л — пешаш; И — то пеш омад.
5. Л — акнун ту пандам пазир;
   ТПЗИ - Нишона наёбад, ки хам оварад,
   Сарафшон шавад, захм кам оварад.
6. И — б. 719, 720 нест.

www.sattor.com

Аз Эрон ҳар он чи-т бипурсам, бигӯй,
Матоб аз раҳи ростӣ ҳеч рӯй.[1]

Супорам ба ту ганҷи ороста,
Биёбӣ басе[2] хилъату хоста.

В-ар эдун, ки кажжӣ бувад рои ту,
Ҳамон банду зиндон бувад ҷои ту.»

Чунин дод посух Ҳаҷираш, ки «Шоҳ
Зи ман[3] ҳар чӣ пурсад зи эронсипоҳ,

Бигӯям ҳама, ҳар чӣ донам, бад-ӯй,
Ба кажжӣ чаро боядам гуфтугӯй?

Набинӣ ҷуз аз ростӣ пешаам,
Ба кажжӣ наёяд[4] худ андешаам.

Ба гетӣ беҳ аз ростӣ пеша нест,
Зи кажжӣ батар ҳеч андеша нест.»[5]

Бад-ӯ гуфт, к-Аз ту бипурсам ҳама,
Зи гарданкашону зи шоҳу рама.

Ҳама номдорони он марзро,
Чу Геву чу Тусу чу[6] Гударзро,

Зи Баҳрому аз Рустами номдор,
Зи ҳар чи-т бипурсам, ба ман баршумор.[7]

1. ТПЗ — Агар рост гуфтӣ саросар сухан,
Ба подош некӣ биёбӣ зи ман.
2. Л — зи ман.
3. Л — Сухан.
4. И — чӣ бояд.
5. И — б. 728 нест.
6. Л — Чу Тусу чу Ковусу;
ТПЗ — Далерону гурдони Эронзамин
Чу Густаҳму чун Геви боофарин.
7. ТПЗ — Якояк нишоне ба ман барнамо,
Агар сар ба тан хоҳиву ҷон ба ҷо.

www.sattor.com

Саропардаи дебаи[1] ранг-ранг,
Бад-ӯ - андарун хаймаҳои паланг.

Ба пеш-андарун баста сад жандапил
Яке тахти[2] пирӯза бар сони Нил,

Яке зард[3] хуршедпайкар дурафш,
Сараш моҳи заррин, ғилофаш бунафш.

Ба қалби сипоҳ-андарун ҷои кист?
Зи гурдони Эрон варо ном чист?»

Бад-ӯ гуфт, к-«Он шоҳи Эрон бувад,
Ки бар даргаҳаш пилу шерон бувад».

В-аз он пас бад-ӯ гуфт, к-«Аз маймана
Саворони[4] бисёру пилу буна,

Саропардае баркашида сиёҳ,
Рада гирдаш-андар ситода сипоҳ.

Ба гирд-андараш хайма з-андоза беш,
Паси пушти пилону шерон ба[5] пеш,

Зада пеши ӯ[6] пилпайкар дурафш,
Ба наздаш[7] саворони зарринакафш.»[8]

Чунин гуфт, к-«Он Туси Нӯзар бувад,
Дурафшаш куҷо пилпайкар бувад».[9]

---

1. –деба аз
2. Л — маҳди.
3. ИЛ — бурз.
4. Л — Савораст.
5. Л — мардон-ш.
6. Л — Яке аждаҳо.
7. И — даргаҳ.
8. ТПЗ — Чӣ бошад зи Эрониён номи ӯй,
   Бигӯ, то куҷо бошад ороми ӯй?
9. ТПЗ — Сипаҳдору аз тухмаи подшоҳ,
   Сарафрозу лашкаркашу кинахоҳ.
   Надорад або захми ӯ шер тов,
   Бузургон зи бимаш пазиранд сов.*

* И — танҳо б. дуюм ҳаст.

www.sattor.com

Бипурсид, к-«Он сурх пардасарой,
Саворон басе гирдаш-андар ба пой.

Яке шерпайкар дурафши бунафш,[1]
Дурафшон гуҳар дар миёни дурафш,[2]

Паси пушташ-андар сипоҳи гарон,
Ҳама найзадорону ҷавшанварон.

745 Кӣ бошад? Ба ман номи ӯ боз гӯй,
Зи кажжӣ маёвар табоҳӣ ба рӯй.»[3]

Чунин гуфт к-«Он фарри озодагон
Сипаҳдор Гударзи Кашводагон.

Сипаҳкаш бувад, гоҳи кина далер,
Ду чил пур дорад чу пилу чу шер.[4]

Куҷо пил бо ӯ накӯшад ба ҷанг,*[5]
На аз дашт бабру на аз куҳ паланг».[6]

Дигар гуфт,[7] к-«Он сабз пардасарой,
Яке лашкари гашн пешаш ба пой,

Яке тахти пурмоя андар миён
Зада пеши ӯ ахтари ковиён.

Бар ӯ барнишаста яке паҳлавон,
Або фарру бо сифту ёли гавон,[8]

Аз он кас, ки бар пой пешаш-бар аст,
Нишаста ба як сар аз ӯ бартар аст.

1. ИЛ –Дурафше ба зар.
2. Л — Дурафшону андар миёнаш гуҳар; И — Дурафшон шуд андар миёнаш гуҳар.
3. ИЛ — б. 745 нест.
4. И — б. 746 нест.
5. М — Ки бо ӯ накӯшад диловар наҳанг.
6. Л — 746, 747 нест.
7. ИЛ — Бипурсид.
8. И — б. 751 нест.

www.sattor.com

Яке бора пешаш ба болои ӯй,
Каманде фурӯ ҳишта то пои[1] ӯй.

Ба худ[2] ҳар замон бархурӯшад ҳаме,
Ту гӯӣ,[3] ки дарё биҷӯшад ҳаме.

Басе пили баргустувондор пеш,
Ҳаме ҷӯшад он мард бар ҷои хеш.

Ба Эрон на марде ба болои ӯй,[4]
Набинам ҳаме асп ҳамтои ӯй,

Дурафшаш бубин,[5] аждаҳопайкар аст,
Бар он найза-бар шери арринсар аст».[6]

Ҳаҷир он гаҳе гуфт бо хештан,
Ки гар ман нишони гави пилтан

Бигӯям бад - ин некдил шермард,
Зи Рустам барорад ба ногоҳ гард.

Аз он беҳ набошад, ки пинҳон кунам,
Зи гарданкашон номи ӯ бифканам.

Бад-ӯ[7] гуфт, к- «Аз Чин яке некхоҳ
Ба наввӣ биёмад ба наздики шоҳ.»

Бипурсид номаш зи фаррух Ҳаҷир,
Бигуфто, ки *[8] «Номаш надонам ба вир.[9]

---

1. И — Набинам ҳаме асп ҳамтои.
2. ИЛЖ — Бад-ӯ.
3. И — гуфтӣ.
4. И — Ба Эрон на сарве ба болои ӯ,
   Каманде фурӯ ҳишта то пои ӯ.
5. Л — ба дил.
6. ТПЗ — Кӣ бошад ба ном он савори далер,
   Ки ҳар дам ҳаме бархурӯшад чу шер?
7. И — Чунин.
8. М — Бад-ӯ гуфт.
9. ТПИ — Дигар боз пурсид Сӯҳроб аз ӯй,
   Ки боре маро номи чинӣ бигӯй.
   Ба посух чунин гуфт бо ӯ* Ҳаҷир,
   Ки «Эй пурҳунар меҳтари шергир».

* И — ӯро.

www.sattor.com

Бад-ин диж будам ман бад-он рӯзгор,
Куҷо ӯ биёмад бари шаҳрёр».[1]

Ғамин[2] гашт Сӯҳробро дил бад-он,
Ки ҷое наёмад зи Рустам нишон.

Нишон дода буд аз падар модараш,
Ҳаме диду дида набуд бовараш.

Ҳаме ном ҷуст аз даҳони Ҳаҷир,
Магар, к-он суханҳо шавад дилпазир.

Набишта ба сар-бар дигаргуна буд,
Зи фармон накоҳад, на ҳаргиз фузуд.[3]

В-аз он пас бипурсид, к-«Аз меҳтарон
Кашида саропардае бар карон,[4]

Саворони бисёру пилон ба пой,
Барояд ҳаме нолаи каррной.

Яке гургпайкар дурафш аз бараш,
Ба абр андароварда заррин сараш,

Миёни саропарда тахте зада,
Ситода ғуломон ба пешаш рада?»[5]

Чунин гуфт, к-«Он пури Гударз-Гев,
Ки хонанд гурдон варо Геви нев.

Зи Гударзиён меҳтару беҳтар аст,
Ба эронсипаҳ бар ду баҳра сар аст.

---

1. ТПЗ — Гумонам, ки он чинӣ ин паҳлав аст,
Ки ҳар гуна созу силоҳаш нав аст.
2. ИМЖ — Ғамӣ.
3. ТПЗ — Қазо чун зи гардун фурӯ ҳишт пар,
Ҳама зиракон кӯр гарданду кар.
4. И — Саропардае аз карон то карон; И — б. б. 768 ин б. омада:
Ки лаълу бунафш аст пардасарой,
Зи саҳмаш ҳаме барфурӯзад зи ҷой.
5. Л — б. 771 нест;
ТПЗ — Зи Эрон бигӯ, номи он мард чист?
Куҷо ҷой дорад, нажодаш зи кист?

www.sattor.com

Сарафроз домоди Рустам бувад,
Ба Эронзамин ҳамчу ӯ кам бувад.»[1]

Бад-ӯ гуфт: «Аз он сӯ, ки тобанда шед
Барояд, яке парда бинам сапед

Зи дебои румӣ, ба пешаш савор
Рада баркашида фузун аз ҳазор.

Пиёда сипардору ҷӯпинварон,[2]
Шуда анҷуман лашкари бекарон,

Нишаста сипаҳдор бар тахти оҷ,
Ниҳода бар он оҷ курсии соҷ.[3]

Зи парда фурӯ ҳишта дебо ҷулайл,
Ғулом истода рада хайл-хайл.»[4]

Бад-ӯ[5] гуфт, к-«Ӯро Фарибурз хон,
Ки фарзанди шоҳ асту тоҷи гавон.»

Бад-ӯ гуфт Сӯҳроб, к-«Ин дарх(в)ар аст,
Ки фарзанди шоҳ асту боафсар аст.»

Бипурсид аз он зард[6] пардасарой,
Дурафши дурахшон ба пешаш*[7] ба пой[8]

Ба гирд-андараш зарду сурху бунафш
Зи ҳар гунае баркашида дирафш.

---

1. ИЛ — б. 774 нест;
2. ИЛ — найзаварон.
3. Л — курсии оҷ.
4. ТПЗ — Чӣ ном аст ӯро зи номоварон,
   Сипаҳбаднажод аст ё сарвар он?
   Л — б. б. 779 ин б. омада:
   Бари хайма дар пеши пардасарой
   Яке моҳпайкар, дурафше ба пой.
5. И — Чунин.
6. Л — сурх.
7. М — Яке моҳпайкар дурафше.
8. ИЛ — Ба даҳлез чанде ситода ба пой.

www.sattor.com

Дирафше паси пушт пайкаргуроз,
Сараш моҳи симину боло дароз».[1]

Чунин гуфт, к-«Ӯро Гуроз аст ном,
Ки дар ҷанги шерон надорад*[2] лагом.[3]

Ҳушивору аз тухмаи Гевгон,
Ки бар дарду сахтӣ набошад ҷакон.

Нишони падар ҷусту бо ӯ нагуфт,
Ҳаме дошт он ростӣ дар нуҳуфт.

Ҷаҳонро чӣ созӣ, ки худ сохтаст,
Ҷаҳондор аз ин кор пардохтаст.

Замона набишта дигаргуна дошт,
Чунон, к-ӯ гузорад, бибояд гузошт.

Чу дил барниҳӣ дар[4] сарои сипанҷ,
Ҳама заҳр з-ӯ биниву[5] дарду ранҷ.

Дигарбора пурсид аз ӯ сарфароз,
Аз он к-аш ба дидори ӯ буд ниёз.

Аз он пардаи сабзу аспи баланд,
В-аз он марду он тобдода каманд.

В-аз он пас Ҳаҷири сипаҳбад-ш гуфт,
Ки «Аз ту суханро набояд[6] нуҳуфт.

Гар аз номи чинӣ бимонам ҳаме,
Аз он аст, к-ӯро надонам ҳаме.»

Бад-ӯ гуфт Сӯҳроб, к-«Ин нест дод,
Зи Рустам накардӣ сухан ҳеч ёд.

---

1. ТПЗ — Чӣ хонанд ӯро зи гарданкашон,
Бигӯ, то чӣ дорӣ аз ӯ ҳам нишон.
2. МЖ — натобад.
3. ИЛ — зимом.
4. ИЛ — бар
5. ИЛ — пеш ораду.
6. ИЛ — чӣ бояд.

www.sattor.com

Касе к-ӯ бувад паҳлавони ҷаҳон,[1]
Миёни сипаҳ-дар намонад ниҳон.

Ту гуфтӣ, ки дар лашкар ӯ меҳтар аст,
Нигаҳбони ҳар марзу ҳар кишвар аст.

Ба разме, ки Ковус лашкар кашад,
Ба пили дамон тахту афсар кашад.

Ҷаҳонпаҳлавон боядаш пешрав,
Чу бархезад аз дашт овои ғав.[2]

Чунин дод посух мар ӯро Ҳаҷир,
Ки «Шояд будан, к-он гави шергир

Кунун рафта бошад ба Зобулситон,
Ки ҳангоми базм аст дар[3] гулситон.

Бад-ӯ гуфт Сӯҳроб, к-«Ин худ бигӯй,
Ки дорад сипаҳбад сӯи ҷанг рӯй?

Зи ҳар сӯ зи баҳри ҷаҳондор шоҳ
Биёянд наздаш меҳон бокулоҳ.[4]

Ба ромиш нишинад ҷаҳонпаҳлавон,
Бар ин*[5] -бар биханданд пиру ҷавон.

Маро бо ту имрӯз паймон якест,
Бигӯям, ки гуфтори ман андакест.

Агар паҳлавонро намоӣ ба ман,
Сарафроз бошӣ ба ҳар анҷуман.

Туро бениёзӣ диҳам дар ҷаҳон,
Кушода кунам ганҷҳои ниҳон.

1. И — меҳон.
2. ИЛ — б. 798, 799 нест.
3. И — бишкуфаву.
4. И — б. 803 нест.
5. М — Бар ӯ.

www.sattor.com

В-ар эдун, ки ин роз дорӣ зи ман,
Кушода ба ман-бар бипӯшӣ сухан,

Саратро нахоҳад[1] ҳаме тан ба ҷой,
Миёнҷӣ кун акнун ба ин ҳар ду рой.

Набинӣ, ки мӯбад ба хусрав чӣ гуфт,
Бад-он гаҳ ки букшод роз аз нуҳуфт?

Сухан-гуфт-ногуфта[2] чун гавҳар аст,
Куҷо[3] нобисуда, ба банд[4] - андар аст.

Чу аз банду пайванд ёбад раҳо,
Дурахшанда[5] меҳре бувад бебаҳо.»

Чунин дод посух Ҳаҷираш, ки «Шоҳ
Чу сер ояд аз меҳру аз тоҷу гоҳ,

Набарди касе ҷӯяд андар ҷаҳон,
Ки ӯ жандапил андарорад зи ҷон.[6]

Зи[7] захми сари гурзи сандоншикан
Барорад димор аз дусад анҷуман.

Касеро, ки Рустам бувад ҳамнабард,
Сараш з-осмон андарорад ба гард.

Ҳамоварди ӯ бар замин пил нест,
Чу гарди паи аспи[8] ӯ Нил нест.

Танаш зӯр дорад ба сад зӯрманд,
Сараш з-осмон андарорад ба гард.

---

1. Л — Сарат менахоҳад.
2. Л — носуфта.
3. Ж — ҳаме.
4. Л — санг.
5. Л — Ки рахшанда; И — Чу рахшанда.
6. Л — Ки аз абру пил андарорад замон.
   ТПЗ — Агар худ бибинӣ ту чанголи ӯй,
   Чунон ҳайбату пайкару ёли ӯй,
   Бидонӣ, ки аз вай наёбад раҳо
   На деву на шеру на нараждаҳо.
7. ИЛ — Ба.
8. ИЛ — Рахши.

www.sattor.com

Чу ӯ хашм гирад ба рӯзи набард,
Ба чангаш чи шеру чи пилу чи мард.»[1]

Бад-ӯ гуфт Сӯҳроби озодагон,
Сияҳбахт Гударзи Кажводагон,

Ки ҳамчун туе[2] хонд бояд писар
Бад-ин зӯру ин донишу ин ҳунар.

Ту мардони ҷангӣ куҷо дидаӣ,
Ки бонги паи асп нашнидаӣ?!

Ки чандин зи Рустам сухан бар забон
Биронӣ, ситонӣ варо ҳар замон.[3]

Аз оташ туро бим чандон бувад,
Ки дарё ба ором ҷунбон бувад.

Чу дарёи сабз андарояд зи ҷой,
Надорад дами оташи тез пой.[4]

Сари тирагӣ андарояд ба хоб,
Чу теғи табиш баркашад офтоб.[5]

---

1. ТПЗ — Нахоҳам, ки бо ӯ ба саҳро бувад,
Ҳамовард агар кӯҳи хоро бувад.*
Ҳунарҳои Рустам ба гирди ҷаҳон
Ҳама ошкор аст пеши меҳон.
Ту бо ӯ басанда набошӣ ба ҷанг,
Чу ӯ теғи ҳиндӣ бигирад ба чанг.
Ба гетӣ надидӣ ту ҷанговарон,
Ки буданд бо гурзҳои гарон?
Чу Афросиёб он сипаҳдори Чин
Або номдорони Туронзамин.
Ба шамшери кин Рустами пилтан
Буборид оташ бар он анҷуман.

* ИЛ — танҳо ҳамин як байти аввал мавҷуд аст.

2. Л — Куҷо чун туро.
3. ТПЗ — Гараш бинам. он гоҳ ояд-т ёд,
Ки дарёи ҷӯшон биларзад зи бод.
4. ИЛ — б. 825 нест.
5. ТПЗ — Чу баргуфт аз ин гуна Сӯҳроби гурд,
Ғамин гашта ҳазмон ҳаме баршумурд.

www.sattor.com

Ба дил гуфт нокордида Ҳаҷир,
Ки гар ман нишони гави шергир

Бигӯям бад-ин турки бо зӯри даст,
Чунин ёлу ин хусравонӣ нишаст,

Зи лашкар кунад ҷангҷӯ анҷуман,
Барангезад он бораи пилтан.

Бад-ин зӯру ин китфу ин ёли ӯй
Шавад кушта Рустам ба чанголи ӯй.

Зи гурдон наояд касе[1] ҷангҷӯй,
Ки бо ӯ ба рӯй андарорад[2] ба рӯй.

Зи Эрон набошад касе[3] кинахоҳ,
Бигирад сари тахти Ковусшоҳ.

Чунин гуфт мӯбад, ки мурдан ба ном
Беҳ аз зинда, душман бар ӯ шодком.

Агар ман шавам кушта бар дасти ӯй,
Нагардад сияҳ рӯзу хун оби ҷӯй.

Чу ман ҳаст Гударзро солх(в)ард,
Дигар пур ҳафтоду шаш шермард.

Чу Геви ҷаҳонгири лашкаршикан,
Ки бошад ба ҳар ҷо сари анҷуман.

Чу Баҳрому Руҳҳоми гарданфароз,
Чу Шедӯши шеравжани размсоз.

Пас аз марги ман меҳрбонӣ кунанд,
Зи душман ба кин ҷонситонӣ кунанд.[4]

Чу Гударзу ҳафтод пури гузин,
Ҳама номдорони боофарин

1. ИЛМ — Аз Эрон наёяд яке.
2. Л — Ки рӯй андарорад або ӯ.
3. ЛМ — Чу з-Эрон.
4. ИЛ — 836 –838 нест.

www.sattor.com

Набошад ба Эрон, тани ман мабод,
Чунин дорам аз мӯбади пок ёд.

Чу тан сар кашад аз замин*[1] бехи сарв,
Сазад, гар гиёро набӯяд тазарв.

Ба Сӯҳроб гуфт: «Ин чӣ ошуфтан аст?
Ҳама бо ман аз Рустамат гуфтан аст?

Чаро бояд ин кина оростан,
Ба беҳуда чизе зи ман хостан?

Ки огоҳии он набошад барам,
Бад-ин кина хоҳӣ буридан сарам?

Баҳона набояд ба хун рехтан,
Чӣ бояд кунун рангат омехтан?[2]

Ҳаме пилтанро нахоҳӣ шикаст,[3]
Ҳамоно, к-ат осон наёяд ба даст.

Набояд туро чуст бо ӯ набард,
Барорад ба овардгаҳ аз ту гард».[4]

ТОХТАНИ СӮҲРОБ БАР ЛАШКАРИ КОВУС

Чу бишнид гуфторҳои дурушт,
Сари пурдилон зуд*[5] бинмуд пушт.

Ниҳон кард аз ӯ рӯю чизе нагуфт,
Аҷаб монд аз он гуфтаҳои нуҳуфт.

Зи боло задаш тунд як пушти даст,
Бияфкандаш, омад ба ҷои нишаст.

Басе кард андешаҳои дароз,
Зи ҳар гунае кард пайкор соз.

1. М — Ки гар бошад андар чаман.
2. Л — б. 843-745 нест.
3. Л — бихоҳӣ шикаст?
4. Л — б. 847 нест.
5. МЖ — Аз ӯ рӯй баргошт.

www.sattor.com

Бубаст аз паи кина он гаҳ камар,
Ниҳод аз сари сарварӣ тоҷи зар.

Зиреҳрову хафтон бипӯшид шод,
Яке тарги румӣ ба сар барниҳод.

Гирифташ синону камону каманд
Гарон гурзро паҳлави девбанд.

Зи тундӣ ба ҷӯш омадаш хуну раг,
Нишаст аз бари бораи тезтаг.

Хурӯшиду бигрифт найза ба даст,
Ба овардгаҳ рафт чун пили маст.

Бурун омаду рои новард кард,
Баровард бар чеҳраи моҳ гард.[1]

В-аз он пас дамон шуд ба пардасарой,
Ба найза баровард боло зи ҷой.

Ба кирдори гӯрон зи чанголи шер,
Рамиданд аз вай сарони далер.

Кас аз номдорони эронсипоҳ
Наёраст кардан бад-ӯ дар нигоҳ.

Зи пову рикебу зи дасту инон,
Зи бозую он обдода синон.

В-аз он пас*[2] далерон шуданд анҷуман,
Бигуфтанд, к-инат гави пилтан!

Нашояд нигаҳ кардан осон бад-ӯй,
Кӣ ёрад шудан пеши ӯ ҷангҷӯй?

В-аз он пас хурӯшид Сӯҳроби гурд,
Ҳаме шоҳ Ковусро баршумурд.[3]

1. ТПЗ — Биёмад дамон то ба қалби сипоҳ,
Расид ӯ ба наздики Ковусшоҳ.
2. М — Сарону.
3. И — б.864 нест.

www.sattor.com

Чунин гуфт, к-«Эй шоҳи озодмард,
Чигуна-ст корат ба дашти набард?

Чаро кардаӣ ном Ковуси кай,
Ки дар ҷанги шерон надорӣ ту пай?

Гар ин найза дар мушт печон кунам,
Сипоҳи туро ҷумла беҷон кунам.

Яке сахт савганд хӯрдам ба базм,
Бад-он шаб, куҷо кушта шуд Жандаразм,

К-аз Эрон намонам яке найзадор,
Кунам зинда Ковуси кайро ба дор.

Кӣ дорӣ аз эрониён тезчанг,
Ки пеши ман ояд бад-ин дашти ҷанг?»[1]

Бигуфту ҳаме буд хомӯш бас,[2]
Аз Эрон надод эч посух-ш кас.[3]

Ҳам овард пушту синони ситех
Бизад тунду барканд ҳафтод мех.

Саропарда як баҳра омад зи пой,[4]
Зи ҳар сӯ баромад дами каррной.

Ғамин[5] гашт Ковусу овоз дод,
Ки "Эй номдорони фаррухнажод,

---

1. ТПЗ — Куҷо Геву Гударзу Туси далер,
Фарибурзу Ковусу Густаҳми шер?
Савори ҷаҳон Рустами номвар,
Дигар Зангаи гурди пархошх(в)ар
Дароянду мардӣ намоянд ҳин,
Дар ин размгоҳ аз паи хашму кин.
2. Л — басе.
3. Л — Зи Эрон надоданд посух касе;
ТПЗ — Аз он пас биҷунбид аз ҷои хеш,
Ба наздики пардасаро рафт пеш.
4. Л — кандаш зи ҷой; И — ҷой.
5. ИЛ — ғамӣ.

www.sattor.com

Яке назди Рустам баред огаҳӣ,
К-аз ин турк шуд мағзи гурдон тиҳӣ.

Надорам саворе варо ҳамнабард,
Аз Эрон наёрад кас ин кор кард»

Бишуд Тусу пайғоми Ковус бурд,
Шунида сухан пеши ӯ баршумурд.

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Ҳар шаҳрёр,
Ки кардӣ маро ногаҳон хостгор,

Гаҳе ҷанг будӣ, гаҳе созу базм,
Надидам зи Ковус ҷуз ранҷи разм.»

Бифармуд, то Рахшро зин кунанд,
Саворон бурӯҳо пур аз чин кунанд».

Зи хайма нигаҳ кард Рустам ба дашт,
Зи раҳ Гевро дид, к-андаргузашт.

Ниҳод аз бари Рахш рахшанда зин,
Ҳаме гуфт Гургин, ки биштоб ҳин.

Ҳаме баст бо гурз Руҳҳом танг,
Ба баргустувон барзада Тус чанг.

Ҳаме он бад-ин ин, бад-он гуфт зуд,
Таҳамтан чу аз парда[1] ово шунуд,

Ба дил гуфт ин разми Оҳарман аст,
На ин растахез як паи як тан аст.

Бизад дасту пӯшид бабри баён,
Бубаст он каёнӣ камар бар миён.

Нишаст аз бари Рахшу паймуд[2] роҳ,
Завора нигаҳбони гоҳу сипоҳ.

Бад-ӯ гуфт: «Аз эдар марав пештар,
Ба ман дор гӯш аз ялон бештар.»

1. Л — хайма.
2. ИЛ — бигрифт.

www.sattor.com

Дурафшаш бибурданд бо ӯ ба ҳам,
Ҳаме рафт пархошҷӯю дижам.

Чу Сӯҳробро диду он ёлу шох,
Бараш чун бари Соми ҷангӣ фарох,

Бад-ӯ гуфт: « Аз эдар ба як сӯ шавем,
Бар овардгаҳ- бар беоҳу шавем.»[1]

Бимолид Сӯҳроб кафро ба каф,
Ба овардгаҳ рафт аз пеши саф.[2]

Бигуфт ӯ ба Рустам:«Бирав, то равем
Ба як ҷой, ҳарду ду марди гавем.

Аз Эрону Турон нахоҳем кас,[3]
Чу ман бошаму ту ба овард, бас.

Ба овардгаҳ мар туро ҷой нест,
Туро худ ба як мушти ман пой нест.

Ба боло баландиву бокитфу ёл,*[4]
Ситам ёфт бо ин зи[5] бисёр сол.»

Нигаҳ кард Рустам бад-он сарфароз,
Бад-он сифту чангу рикеби[6] дароз.

Бад-ӯ гуфт нарм, «Эй ҷавонмарди нарм,[7]
Замин хушку сарду ҳаво нарму гарм.[8]

Ба пирӣ басе дидам овардгоҳ,
Басе бар замин паст кардам сипоҳ.

---

1. ТПЗ — Биҷунбид Сӯҳроби пархошх(в)ар
   Зи гуфти гави пилтан номвар.
2. Л — б. б. 892 ин б. омада:
   Бад-ӯ гуфт Сӯҳроб, к-андаргузашт
   Зи ман ҷангу пайкор сӯи ту гашт.
3. ИЛ — Зи Эрон нахоҳӣ ҳаме ёр кас.
4. М — ёлат.
5. Л — солат зи.
6. Л — Бад-он ёлу чангу рикоби.
7. Л — ҷавонмард гарм.
8. Л — Замин сарду хушку ҳаво гарму нарм.

www.sattor.com

Табаҳ шуд басе дев бар дасти ман,
Надидам бад он сӯ[1*2.], ки будам шикан.

Нигаҳ кун маро, то бубинӣ ба ҷанг,
Агар зинда монӣ, натарс аз наҳанг.

Маро дида дар ҷанг дарёву кӯҳ,
Ки бо номдорони туронгурӯҳ

Чӣ кардам, ситора гувои ман аст,
Ба мардӣ ҷаҳон зери пои ман аст.[3]

Ҳаме раҳмат орад ба ту бар дилам,
Нахоҳам, ки ҷонат зи тан бигсилам.

Намонӣ ба туркон бад-ин ёлу суфт,
Ба Эрон надонам туро низ ҷуфт».[4]

Чу омад зи Рустам чунин гуфтугӯй,
Биҷунбид Сӯҳробро дил бад-ӯй.

Бад-ӯ гуфт к-«Аз ту бипурсам сухун,
Ҳама ростӣ бояд афканд бун.

Якояк нажодат маро ёд дор,
Зи гуфтори хубат маро шод дор.[5]

Ман эдун гумонам, ки ту Рустамӣ,
Ки аз тухмаи номвар Найрамӣ».

Чунин дод посух, ки «Рустам наям,
Ҳам аз тухмаи Соми Найрам наям,

Ки ӯ паҳлавон асту ман кеҳтарам,
На ботахту гоҳам, на боафсарам».[6]

1. Л — ба сӯе.
2. М — Нагаштам ба сӯе.
3. ТПЗ — Касоне, ки диданд разми маро,
Шумурданд гӯӣ, ки базми маро.
4. Л-б. 904. 905 нест.
5. ИЛ-б. 908 нест.
6. И — гоҳу на бо ахтарам.

www.sattor.com

Зи уммед Сӯҳроб шуд ноумед,
Бад-ӯ тира шуд рӯи рӯзи сафед.

РАЗМИ РУСТАМ БО СӮҲРОБ

Ба овардгаҳ рафту найза гирифт,
Ҳаме монда аз гуфти модар шигифт.

Яке танг майдон фурӯ сохтанд,
Ба кӯтоҳнайза ҳаме бохтанд.[1]

Намонд эч бар[2] найза банду синон,
Ба чап боз бурданд[3] ҳар ду инон.

Ба шамшери ҳиндӣ баровехтанд,
Ҳаме з-оҳан оташ фурӯ рехтанд.

Ба захм - андарун теғ шуд рез-рез,
Чӣ захме, ки пайдо кунад растахез.

Гирифтанд аз он пас амуди гарон,
Ҳаме кӯфтанд он бар ин, ин бар он.[4]

Зи нерӯ амуд андаромад ба хам,
Чамон[5] бодпоёну гурдон дижам.

Зи аспон фурӯ рехт баргустувон,
Зиреҳ пора шуд бар миёни гавон.

Фурӯ монд аспу диловар зи кор,
Якеро набуд дасту бозуш ёр.

Тан аз хай пуробу даҳон пур зи[6] хок,
Забон гашта аз ташнагӣ чок-чок.

1. ЛМ — тохтанд
2. Л — бо.
3. И — доданд.
4. ИЛ — Ғамӣ гашт бозуи кундоварон.
5. Л — Давон.
6. Л — ҳама ком.

www.sattor.com

Як аз дигар истод он гоҳ дур,
Пур аз дард бобу пур аз ранҷ пур.

Ҷаҳоно, шигифтӣ зи[1] кирдори туст,
Шикаста ҳам аз ту, ҳам аз ту дуруст.

Аз ин ду якеро наҷунбид меҳр,
Хирад дур буд, меҳр нанмуд чеҳр.

Ҳаме баччаро боздонад сутур,
Чи моҳӣ ба дарё, чи дар дашт гӯр.

Надонад ҳаме мардум аз ранҷу[2] оз
Яке душманеро зи фарзанд боз.

Ба дил[3] гуфт Рустам, ки ҳаргиз наҳанг
Надидам, ки ояд бад-ин сон ба ҷанг.

Маро хор шуд ҷанги[4] Деви Сапед,
Зи мардӣ шуд имрӯз дил ноумед.

Зи дасти яке носипардаҷаҳон,
На гурде, на номоваре аз меҳон.

Ба серӣ расонидам аз рӯзгор,
Ду лашкар назора бад-ин корзор.

Чу осуда шуд бораи ҳар ду мард,
Зи озори ҷангу зи нангу набард,

Ба зеҳ барниҳоданд ҳар ду камон,
Ҷавона ҳамон, солхӯрда ҳамон.

Зиреҳ буду хафтону бабри баён,
Зи килку зи пайкон наёмад зиён.[5]

---

1. Л — шигифто, ки.
2. ИЛ — ранҷи.
3. ИЛ — Ҳаме.
4. Л — разми.
5. ТПЗ — Ба ҳам тирборон намуданд сахт,
Ту гӯӣ фурӯ рехт барги дарахт.

www.sattor.com

Ғамин[1] шуд дили ҳарду аз якдигар,
Гирифтанд ҳарду дуволи камар.

Таҳамтан агар даст бурдӣ ба санг
Бикандӣ сияҳсангро рӯзи ҷанг.[2]

Камарбанди Сӯҳробро чора кард,
Ки аз зин бичунбонд андар набард.

Миёни ҷавонро набуд огаҳӣ,
Бимонд аз ҳунар дасти Рустам тиҳӣ.

Фурӯ дошт даст аз камарбанди ӯй,
Шигифтӣ фурӯ монд аз банди ӯй.[3*4]

Ду шеравжан аз ҷанг сер омаданд,
Табаҳ гаштаву хаста,[5] дер омаданд.

Дигарбора Сӯҳроб гурзи гарон
Зи зин бакашиду бияфшурд рон.

Бизад гурзу овард китфаш ба дард,
Бипечиду дард аз далерӣ бих(в)ард.

Бихандид Сӯҳробу гуфт: «Эй савор,
Ба захми далерон наӣ пойдор!

Ба зер - андарат[6] Рахш гӯӣ хар аст,
Ду дасти савор аз ҳама бадтар аст.»[7]

Агарчи гаве сарвболо бувад,
Ҷавонӣ кунад пир, коно бувад.[8]

---

1. ЛМ — Ғамӣ
2. ТПЗ — Ба зӯр аз замин кӯҳ бардоштӣ,
   Гаронсангро мум пиндоштӣ.
3. ИЛ — б. 939 нест.
4. М — Таҳамтан чунон хира монда бад-ӯй.
5. Л — Ҳаме хаставу гашта.
6. Л — Ба разм-андарун; И — Ба зин андарун.
7. ТПЗИ - Маро раҳмат ояд ба ту-бар зи дил,
   Ки аз хунат оғушта гаштаст гил.
8. ТПЗ — Таҳамтан надод эч ӯро ҷавоб,
   Шигифтӣ фурӯ монд дар печу тоб.

www.sattor.com

Ба пастӣ расид ин аз он, он аз ин,
Чунон танг шуд бар далерон замин,

Ки аз якдигар рӯй баргоштанд,
Дилу ҷон ба андеша бигзоштанд.[1]

Таҳамтан ба туронсипаҳ шуд ба ҷанг,
Бад-он сон, ки нахчир гирад паланг.

Ба эронсипаҳ рафт Сӯҳроби гурд,
Инон бораи тезтагро супурд.

Бизад хештанро ба эронсипоҳ,
Ба дасташ басе номвар шуд табоҳ.[2]

Миёни сипоҳ андаромад чу гург,
Пароканда гаштанд хурду бузург.

Дили Рустам андешае кард бад,
Ки Ковусро бегумон бад расад.

Аз ин пурҳунар турки навхоста,
Ба хафтон бару бозу ороста.

Ба лашкаргаҳи хеш тозид зуд,
Ки андешаи дил бад-он гуна буд.

Миёни сипаҳ дид Сӯҳробро,
Замин лаъл карда ба хунобро.

Сари найза пурхуну хафтону даст,
Чу шере, ки гирад зи нахчири[3] маст.

Дижам[4] гашт Рустам, чу ӯро бидид.
Хурӯше чу шери жиён баркашид.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй турки хунхорамард,
Зи эронсипаҳ ҷанг бо ту кӣ кард?

1. И — б. 947 нест.
2. И — б. 950 нест.
3. ИЛМ – Ту гуфтӣ зи нахчир гаштаст.
4. ИЛМ –Ғамӣ.

www.sattor.com

Чаро даст бо ман насудӣ[1] ҳама,
Чу гург омадӣ дар[2] миёни рама?»

Бад-ӯ гуфт Сӯҳроб: «Туронсипоҳ
Аз ин разм дуранду ҳам бегуноҳ.

Ту оҳанг кардӣ бад-эшон нахуст,
Касе бо ту пайкору кина наҷуст.»

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Шуд тира рӯз,
Чу пайдо кунад теғ гетифурӯз,[3]

Бад-ин дашт ҳам дору ҳам минбар аст,
Ки равшанҷаҳон зери теғ-андар аст.

Гар эдун, ки боз ӯ ба шамшеру тир
Чунин ошно шуд, ту ҳаргиз мамир.

Бигардем шабгир бо теғи кин,
Ту рав,[4] то чӣ хоҳад ҷаҳонофарин.

БОЗГАШТАНИ РУСТАМ ВА СӮҲРОБ БА ЛАШКАРГОҲ

Бирафтанду рӯи ҳаво тира гашт,
Зи Сӯҳроб гардун ҳаме хира гашт,

Ту гуфтӣ зи ҷангаш сиришт осмон,
Наёсояд аз тохтан як замон.

Дигарбора зер-андараш оҳан аст,
Шигифтӣ равон асту рӯинтан аст.

Шаби тира омад сӯи лашкараш,
Миён суда аз ҷангу оҳан бараш.[5]

1. И — бисудӣ.
2. И — омадастӣ.
3. ТПЗ — Ба куштӣ бигардем ҳар ду пагоҳ,
Бубинем, то бар кӣ гиряд сипоҳ.
4. И — Ба мо.
5. Л — сараш.

www.sattor.com

Ба Ҳумон чунин гуфт, к-«Имрӯз ҳур
Баромад, ҷаҳон кард*[1] пурҷангу[2] шӯр.

Шуморо ба сар з-он*[3] савори далер,
Ки ёли ялон дошт, чанголи шер,

Чӣ омад? Шуморо чӣ гуфту чӣ кард?
Ки ӯ буд ҳамзӯри ман дар набард.

Чӣ кард ӯ або лашкарам сар ба сар,
Ки чун ӯ надонам ба гетӣ[4] дигар?

Яке пирмард аст бар сони шер,
Нагардад зи ҷангу зи пайкор сер.[5]

Надонам ба гирди ҷаҳон сар ба сар,
Кӣ бандад гаҳи кина чун ӯ камар.»

Бад-ӯ гуфт Ҳумон, ки фармони шоҳ
Чунин буд, к-аз эдар наҷунбад сипоҳ.

Ҳама кори мо сахт босоз[6] буд,
Ба овардгаҳ гаштан оғоз буд.

Биёмад яке марди пархошҷӯй,
Бад-ин лашкари гашн бинҳод рӯй.

Ту гуфтӣ, зи мастӣ кунун хостаст,
Ки ин ҷангро як тан оростаст.[7]

Зи ҳар сӯ пароканда гарди набард,
Зи лашкаргаҳи мо басе кушт мард.

1. М — гашт.
2. Л — гашт пуршару.
3. М — чи гуфт он.
4. И — саворе надидам.
5. ТПЗ — Агар гӯям аз кори он номдор,
На чандон бувад к-ояд андар шумор.
Ду бозуш монандаи рони пил,
Биҷӯшад зи овози ӯ рӯди Нил.
6. ИЛ — носоз.
7. ТПЗ — Инон бозпечиду бардошт роҳ,
Ба эронсипаҳ рафт аз ин ҷойгоҳ.

www.sattor.com

В-аз он пас бад-он лашкари хеш рӯй
Ниҳоду ҳаме рафт дар пӯяпӯй![1]

Чунин гуфт Сӯҳроб, к- «Ӯ з-ин сипоҳ
Накард аз далерон касеро табоҳ.

Аз эрониён ман басе куштаам,
Заминро ба хун чун гил[2] оғуштаам.

В-аз ин бар шумо ҷуз назора набуд,
Валекин наёмад касе худ, чӣ суд?!

985 Агар шер пеш омадӣ, бегумон
Нарастӣ, чунин дон зи гурзи гарон.

Ба пешам чи бабру[3] палангу ҳизабр,
Ба пайкон фурӯ борам оташ зи абр.[6]

Чу гурдон[*4] маро рӯй бинанд тез,
Зиреҳ бар тануншон[5] шавад реза-рез.

Чу фардо ба пеш аст[6*7] рӯзи бузург,
Падид ояд он кас, ки[8] бошад сутург.[*9]

Ба номи ҷаҳонофарин як Худой,
Яке душманеро намонам ба ҷой.[10]

990 Кунун хони май бояд оростан,
Бибояд ба май[11] ғам зи дил костан.»

---

1. ИЛ-б. 980, 981 нест.
2. Л — хуну гил; И — хуни дил.
3. Л — шеру; И — гургу.
4. М — эшон.
5. Л — фуруд орам оху зи бар.
6. Л — Аз андӯҳашон тан. Л — Кунун ҷанг фардову.
7. М — Кунун рӯзи фардост.
8. Л — гаҳ, кӣ.
9. М — Падид ояд аз меш якбора гург.
10. И — Ба номи Худованди ҷонофарин,
    Намонам зи гурдон яке бар замин.
11. ИЛ — ҳаме.

www.sattor.com

В-аз он рӯй Рустам сипаҳро бидид,
Сухан ронд бо Гев, гуфту шунид,

Ки имрӯз Сӯҳроби ҷангозмой
Чӣ гуна ба ҷанг андаровард пой.

Чунин гуфт бо Рустами гурд Гев,
К-аз ин гуна ҳаргиз надидем нев.

Биёмад дамон то миёни сипоҳ,
Зи лашкар бари Тус шуд кинахоҳ,

Ки ӯ буд бар зину найза ба даст,
Чу гург ин фуруд омаду[1] барнишаст.

Биёмад, чу бо найза ӯро бидид,
Ба кирдори шери жиён бардамид.

Хамида амуде бизад бар бараш,
Зи нерӯ бияфтод тарг[2] аз сараш.

Натобид бо ӯ, битобид рӯй,
Шуданд аз далерон басе ҷангҷӯй.

Зи гурдон касе мояи ӯ надошт,
Ба ҷуз пилтан пояи ӯ надошт.

Ҳам оини пешин нигаҳ доштам,[3]
Сипаҳро бар ӯ ҳеч нагзоштам.[4]

Ба танҳо нашуд бар[5] бараш ҷангҷӯй,
Супурдем майдони кина бад-ӯй.

Саворе нашуд пеши ӯ як тана,
Ҳаме тохт аз қалб то маймана.

1. ИЛ — Гургин фуруд омад, ӯ.
2. Л — худ.
3. ИЛ — доштем.
4. ИЛ — Сипоҳе бар ӯ соя бигмоштем.
5. Л — кас.

www.sattor.com

Зи ҳар сӯ ҳаме шуд дамону данон,
Ба зер-андарун буд аспаш чамон.[1]

Ғамин гашт Рустам зи гуфтори ӯй,
Бари шоҳ Ковус бинҳод рӯй.

Чу Ковуси кай*[2] паҳлавонро бидид,
Бари хеш наздик ҷояш гузид.

Зи Сӯҳроб Рустам забон баркушод,
Зи болову бурзаш[3] ҳаме кард ёд,

Ки «Кас дар ҷаҳон кӯдаки норасид
Бад-ин шермардиву гурдӣ надид.

Ба боло ситора бисояд ҳаме,
Танашро замин барнатобад[4] ҳаме.

Ду бозуву ронаш чу рони ҳаюн,
Ҳамоно, ки дорад ситабрӣ фузун.

Ба теғу ба тиру ба гурзу каманд
Зи ҳар гунае озмудем чанд.

Саранҷом гуфтам, ки ман пеш аз ин
Басе гурдро баргирифтам зи зин.[5]

Ҳаме хостам, к-аш зи зин барканам,
Чу дигар касонаш ба хок афканам.

Гар аз бод ҷунбон шавад кӯҳсор,
Наҷунбад абар[6] зин мар он номдор.

Аз ӯ боз гаштам, ки бегоҳ буд.
Ки шаб сахт торику бемоҳ буд.[7]

---

1. И — б. 1003 нест.
2. М — Ковус мар.
3. ИЛ — зӯраш.
4. ИЛ — баргирояд.
5. И-б. 1011 нест.
6. Л — бари.
7. ТПЗИЛ -Чу фардо биёяд ба дашти набард,
Ба куштӣ ҳаме боядам чора кард.

www.sattor.com

Бад-он то бигардем фардо яке,
Ба куштӣ гироем мо андаке.[1]

Бикӯшам, надонам, ки пирӯз кист?
Бибинем,[2*3] то рои Яздон ба чист?[4]

К-аз ӯяст пирӯзиву дастгоҳ,
Ҳам ӯ офаринандаи ҳуру моҳ.»

Бад-ӯ гуфт Ковус: «Яздони пок
Тани бадсиголон[5] кунад чок-чок.[6]

1020 Ман имшаб ба пеши ҷаҳонофарин
Бимонам фаровон сар андар замин.[7]

Бад-он то туро бардиҳад дастгоҳ
Бар ин турки бадхоҳи гумкардароҳ.[8]

Кунад тоза пажмурда[9] коми туро,
Барорад ба хуршед номи туро.»

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Бо фарри шоҳ
Барояд ҳама комаи некхоҳ.»

Ба лашкаргаҳи хеш бинҳод рӯй,
Пурандеша ҷону сараш кинаҷӯй.[10]

---

1. И — б1016 нест.
2. Л — Надонам, ки.
3. М — Бидонем.
4. ТПЗ — Бигуфт ину бархост пас пилтан,
Дижам гашта ӯ пеши он анҷуман
Ҳамон гаҳ бад-ӯ ҳоли Сӯҳроби гурд
Саросар ҳама ҳар чӣ буд, баршумурд.
Сипаҳро ду фарсанг буд дар миён,
Кушодан наёраст як тан миён.*

* Дар «з» якум баъд аз б. 1023 ду б. дигар пас аз б. 102 б омадааст, ки ин тартиб ба мақсад наздиктар менамояд.

5. И — бадсиголат.
6. Л — бадсиголаш кунад ҷой хок.
7. Л — Бимолам фаровон ду рух бар.
8. ИЛ — б. нест.
9. ИЛ — ин бор.
10. Л — дилаш ҷангҷӯй; И — В-аз андеша ҷону сараш чораҷӯй.

www.sattor.com

Завора биёмад халида равон,
Ки имрӯз чун гашт бар паҳлавон.

Аз ӯ хӯрданӣ хост Рустам нахуст,
Пас он гаҳ зи андеша дилро бишуст.

Чунин ронд пеши бародар сухун,
Ки «Бедордил бошу тундӣ макун.

Ба шабгир, чун ман ба овардгоҳ
Равам пеши он турки н-овардхоҳ,

Биёвар сипоҳу дирафши маро,
Ҳамон тахту заррина[1] кафши маро.

Ҳаме бош дар пеши пардасарой,
Чу хуршеди тобон бароям зи ҷой.

Гар эдун, ки пирӯз бошам ба ҷанг,
Ба овардгаҳ-бар наёрам[2] диранг.

Маёед як тан ба овардгоҳ,
Масозед ҷустан сӯи разм роҳ.

Якояк сӯи Зобулистон шавед,
Аз эдар ба наздики Дастон шавед.[3]

Ту хурсанд гардон дили модарам,
Чунин ронд Эзад қазо бар сарам.

Бигӯяш, ки ту дил ба ман- дар мабанд,
Машав ҷовидон баҳри ҷонам нажанд.

Кас андар ҷаҳон ҷовидона намонд,
Зи гардун[4] маро худ[5] баҳона намонд.

---

1. И — тахти заррину.
2. ИЛ — бар насозам.
3. ТПЗ — Аз ӯ баркушоӣ якояк сухун,
Ки рӯзи Таҳамтан даромад ба бун.
Чунин буд фармони Яздони пок,
Ки гардад ба дасти ҷавоне ҳалок.
4. И — гетӣ.
5. Л — гетӣ маро ҷуз.

www.sattor.com

Басе деву шеру палангу наҳанг
Табаҳ шуд зи чангам ба ҳангоми ҷанг.

Басе бораву диж, ки кардем паст,
Наёвард кас дасти ман зери даст.

Дари маргро он бикӯбад, ки пой
Ба асп андарорад, барояд*[1] зи ҷой.

Агар сол гардад фузун аз ҳазор,
Ҳамин аст[2] роҳу ҳамин аст[3] кор.

Нигаҳ кун ба Ҷамшед- шоҳи баланд,
Ҳамон низ Таҳмураси Девбанд,

Ба гетӣ чу эшон набуд шаҳрёр,
Саранҷом рафтанд зӣ кирдгор.[4]

Чу гетӣ бар эшон намонду бигашт,
Маро низ бар раҳ бибояд гузашт.[5]

Чу хурсанд гардад, ба Дастон бигӯй,
Ки аз шоҳи гетӣ мабартоб[6] рӯй.

Агар ҷанг созад, ту сустӣ макун,
Чунон рав, ки ӯ ронад[7] аз бун сухун.

Ҳама маргроем пиру ҷавон
Ба гетӣ намонад касе ҷовидон.»

Зи шаб нимае гуфти Сӯҳроб буд,
Дигар нима оромишу[8] хоб буд.

---

1. М — биҷунбад.
2. ИЛ — буд.
3. ИЛ — буд.
4. ТПЗ — Ба мардӣ зи Гаршосп бартар набуд,
Сипеҳри барин гирдгоҳаш бисуд.
Наримону Сом он ду гарданфароз,
Зи мурдан ба гетӣ набудшон ҷавоз.
5. ИЛ — б. 1042 — 1044 нест.
6. Л — магардон ту.
7. Л — Чунон дон, ки ӯ хоҳад.
8. ИЛ — осоиш.

www.sattor.com

АФКАНДАНИ СӮҲРОБ РУСТАМРО

Чу хуршеди рахшон бигустард пар,[1]
Сияҳзоғи паррон фурӯ бурд сар,[2]

Таҳамтан бипӯшид бабри баён,
Нишаст аз бари аждаҳои дамон.

Сипаҳро ду фарсанг буд дар миён,
Кушодан наёраст як тан миён.[3]

Биёмад бад-он дашти овардгоҳ,
Ниҳода зи оҳан ба сар-бар кулоҳ.

Ҳама талхӣ аз баҳри бешӣ бувад,
Мабодо, ки бо оз хешӣ бувад.

В-аз он рӯй Сӯҳроб бо анҷуман
Ҳаме май гусорид бо рудзан.

Ба Ҳумон чунин гуфт, к-«Он шермард,
Ки бо ман ҳаме гардад андар набард,

Зи болои ман нест болош кам,
Ба разм-андарун дил надорад дижам.

Бару китфу ёлаш ба монанди ман,
Ту гӯӣ, ки донанда барзад расан.

Зи пову рикебаш*[4] ҳаме меҳри ман
Биҷунбад, ба шарм оварад чеҳри ман.

Нишонҳои модар биёбам ҳаме,
Ба дил низ лахте битобам ҳаме.

Гумоне барам ман, ки ӯ Рустам аст,
Ки чун ӯ набарда ба гетӣ кам аст.

1. Л — баровард сар.
2. Л — пар.
3. ИЛ — б. 1051 нест.
4. М — рикоб.

www.sattor.com

Набояд, ки ман бо падар ҷанҷӯй[1]
Шавам хира, рӯ андарорам бар ӯй.»

Бад-ӯ гуфт Ҳумон, ки «Дар корзор
Расидаст Рустам ба ман чанд бор.

Шунидӣ,[2] ки дар ҷанги Мозандарон
Чӣ кард он сипаҳбад ба гурзи гарон?

Бад-ин рахш монад ҳаме Рахши ӯй,
Валекин надорад паю пахши ӯй.[3]

Ба шабгир чун бардамид офтоб,
Сари ҷангҷӯён баромад зи хоб.[4]

Бипӯшид Сӯҳроб хафтони разм,
Сараш пур зи разму дилаш пур зи базм.

Биёмад хурӯшон бад-он дашти ҷанг,
Ба чанг-андарун гурзаи говранг.

Зи Рустам бипурсид хандон ду лаб,
Ту гуфтӣ, ки бо ӯ ба ҳам буд шаб,

Ки шаб чун будӣ, рӯз чун хостӣ?
Зи пайкор дил бар чӣ оростӣ?

---

1. ТПЗ — Зи додор гардам басе шармнок,
Сияхрӯ равам аз сари тирахок.
Набошад умеди сарои дигар,
Набояд, ки разм оварам бо падар.
Ба шоҳони гетӣ шавам рӯсиёҳ,
Ки бар марзи Эрону туронсипоҳ
Нагӯяд касе чуз ба бад номи ман,
Набошад ба ҳарду саро коми ман,
Саросема гардам аз овехтан,
Ба чуз бад набошад зи хун рехтан.
2. ИЛ – Шунидам.
3. ТПЗИ – Чу як баҳра аз тирашаб даргузашт,
Хурӯши талоя баромад зи дашт.
Ҷаҳонҷӯй Сӯҳроб дил пур зи разм
Ба оромгаҳ рафт аз тахти базм.
4. ИЛ-б. 1065 нест.

www.sattor.com

Зи каф бифкан ин тиру шамшери кин,
Бизан чанги бедодро[1] бар замин.

Нишинем ҳар ду пиёда ба ҳам,
Ба май тоза дорем рӯи дижам.

Ба пеши ҷаҳондор паймон кунем,
Дил аз ҷанг ҷустан пушаймон кунем.

Ҳамон[2], то каси дигар ояд ба разм,
Ту бо ман бисозу биёрой базм.

Дили ман ҳаме бар ту меҳр оварад,
Ҳаме оби шармам ба чеҳр оварад.

Ҳамоно, ки дорӣ зи гурдон нажод,
Кунӣ пеши ман гавҳари хеш ёд.[3]

Зи ман ном пинҳон набояд-т кард,
Чу гаштӣ ту бо ман кунун ҳамнабард.

Магар пури Дастони Соми ялӣ,
Гузин номвар Рустами зобулӣ?»

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Эй номҷӯй,
Накардем ҳаргиз чунин гуфтугӯй.

Зи куштӣ гирифтан сухан буд дӯш,
Нагирам фиреби ту, з-ин дар макӯш.[4]

На ман кӯдакам, гар ту ҳастӣ ҷавон,
Ба куштӣ камар баста дорам[5] миён.

Бикӯшем, фарҷоми кор он бувад,
Ки фармону рои ҷаҳонбон бувад.[6]

---

1. Л — ҷангу пайкорро.
2. Л — Бимон.
3. ТПЗИ — Зи номи ту кардам басе ҷустуҷӯй,
   Нагуфтанд номат, ту бо ман бигӯй.
4. И-б. 1078, 1079 нест.
5. И — бастаам бар.
6. ТПЗ — Ва дигар, ки дар ҷои нангу набард
   Пижӯҳиш наҷӯянд мардони мард.

www.sattor.com

Басе гаштаам дар фарозу нишеб,[1]
Наям марди гуфтори зарқу фиреб.»[2]

Бад-ӯ гуфт Сӯҳроб, к-«Эй марди пир,
Агар нест панди манат ҷойгир.

Маро орзу буд, ки бар бистарат
Барояд ба ҳангом ҳуш аз барат.

Касе, к-аз ту монад сутудон кунад,
Бипаррад равон, тан ба зиндон кунад.

Агар ҳуши ту зери дасти ман аст,
Ба фармони Яздон барорам[3] зи даст.»

Зи аспони ҷангӣ фуруд омаданд,
Ҳушивор бо кабру хӯд омаданд.

Бубастанд бар санг аспи набард,
Бирафтанд ҳар ду равон пур зи дард.

Чу шерон ба куштӣ баровехтанд,[4]
Зи танҳо хаю хун ҳаме рехтанд.

Зи шабгир то соягустарда ҳур,
Ҳаме ин бар он, он бар ин кард зӯр.

Бизад даст[5] Сӯҳроб чун пили маст,
Чу шери даманда зи ҷо дарбиҷаст.

Камарбанди Рустам гирифту кашид,
Зи бас зӯр гуфтӣ замин бардарид.

Яке наъра барзад пур аз хашму кин,
Бизад Рустами шерро бар замин,[6]

1. И — нишебу фароз.
2. И — маҷоз.
3. Л — бароянд.
4. Л — даровехтанд.
5. Л — Биғуррид.
6. ИЛ — б. 1093 нест.

www.sattor.com

Ба Рустам даровехт чун пили маст,
Баровардаш аз ҷою бинҳод паст.

Нишаст аз бари синаи пилтан,
Пур аз хок чанголу рӯю даҳан.

Ба кирдори шере, ки бар гӯри нар
Занад дасту гӯр андарояд ба сар.

Яке ханҷари обгун баркашид,
Ҳаме хост аз тан сарашро бурид.

Нигаҳ кард Рустам, ба овоз гуфт,
Ки ин роз бояд кушод аз нуҳуфт.

Ба Сӯҳроб гуфт: «Эй яли шергир,
Камандафкану гурзу шамшергир,[1]

Дигаргуна ин[2] бошад оини мо,
Ҷуз ин бошад ороиши дини мо.

Касе, к-ӯ ба куштӣ набард оварад.
Сари меҳтаре зери гард оварад,

Нахустин, ки пушташ ниҳад бар замин,
Набуррад сараш, гарчи бошад бакин.

Агар бори дигар-ш зер оварад,
Ба афканданаш номи шер оварад.

Раво бошад, ар сар кунад з-ӯ ҷудо,
Бад-ин гуна-бар бошад оини мо.»

Бад-ин чора аз чанги нараждаҳо
Ҳаме хост ёбад зи куштан раҳо.

Далери ҷавон сар ба гуфтори пир
Бидоду набуд он сухан ҷойгир.

1. И-б. 1099 нест.
2. ИЛМ – Дигаргунатар.

www.sattor.com

Яке аз далерӣ, дувум аз замон,
Севум аз ҷавонмардияш бегумон.[1]

Раҳо кардаш аз дасту омад ба дашт,
Ба даште, ки бар пешаш оҳу гузашт.

Ҳаме кард нахчир, ёдаш набуд
Аз он кас, ки бо ӯ набард озмуд.

1110 Ҳаме дер шуд боз Ҳумон чу гард
Биёмад, бипурсид аз ӯ аз набард.

Ба Ҳумон бигуфт, он куҷо рафта буд,
Сухан ҳар чи*[2] Рустам бад-ӯ гуфта буд.

Бад-ӯ гуфт Ҳумон: «Дареғ, эй ҷавон,
Ба серӣ расидӣ ҳамоно зи ҷон.

Дареғ ин бару бурзу болои ту,
Рикеби дарозу ялӣ пои ту.

Ҳизарбе, ки оварда будӣ ба дом,
Раҳо кардӣ аз дасту шуд кор хом.

1115 Нигаҳ кун, ки з-ин беҳуда коркард
Чӣ орад ба пешат ба рӯзи набард.

Яке достон зад бад-ин шаҳрёр,
Ки душман мадор, арчи хурд аст, хор!»[3]

Бигуфту дил аз ҷони ӯ баргирифт,
Пурандуҳ ҳаме монд андар[4] шигифт.

Ба Ҳумон чунин гуфт Сӯҳроби гурд,
Ки «Андеша аз дил бибояд сутурд,

Ки фардо биёяд бари ман ба ҷанг,
Бубинӣ ба гардан-ш - бар полҳанг.»[5]

1. И-б. 1107 нест.
2. 1 М — Суханҳо, ки.
3. И-б.. 1116 нест.
4. Л — монда дилаш дар.
5. ИЛ — б. 1118, 1119 нест.

www.sattor.com

1120 Ба лашкаргаҳи хеш бинҳод рӯй
Ба хашму пур аз ғам дил аз кори ӯй.

Чу Рустам зи чанги вай озод гашт,
Ба сони яке кӯҳи[1] пӯлод*[2] гашт.

Хиромон бишуд сӯи оби равон,
Чу ҷонрафта гӯё биёбад равон.

Бихӯрд обу рӯю сару тан бишуст,
Ба пеши ҷаҳонофарин шуд нахуст.[3]

Ҳаме хост пирӯзиву дастгоҳ,
Набуд огаҳ аз бахши хуршеду моҳ,

1125 Ки чун рафт хоҳад сипеҳр аз бараш,
Бихоҳад рабудан кулоҳ аз сараш.

Шунидам, ки Рустам зи оғози кор
Чунин ёфт нерӯ зи парвардгор,

Ки гар сангро ӯ ба сар баршудӣ,
Хаме ҳар ду пояш бад-ӯ даршудӣ.

Аз он рӯз пайваста ранҷур буд,
Дили ӯ аз он орзу дур буд.

Бинолид бар[4] кирдгори ҷаҳон,
Ба зорӣ ҳаме орзу кард он,

1130 Ки лахте зи зӯраш ситонад ҳаме,
Ки[5] рафтан ба раҳ-бар тавонад ҳаме.

Бад-он сон, ки аз покяздон бихост,
Зи нерӯи он кӯҳпайкар бикост.

1. Л — теғи.
2. М — сарви озод.
3. ТПЗ — Ба замзам бинолид бар бениёз,
Ниёиш ҳамекард бар чорасоз.
4. Л — в-аз.
5. Л — Ба.

www.sattor.com

Чу боз он чунон кор пеш омадаш,
Дил аз бими Сӯҳроб реш омадаш,

Ба Яздон бинолид, к-эй кирдгор,
Бад-ин кор ин бандаро пос дор.

Ҳамон рӯз[1] хоҳам, к-аз оғози кор
Маро додӣ, эй пок парвардгор.

Бад-ӯ боз дод он чунон, к-аш бихост,
Бияфзуд бар тан, ҳар он ч-аш бикост.[2]

В-аз он обхур шуд ба ҷои набард,
Пурандеша будаш дилу рӯй зард.

Ҳаме тохт Сӯҳроб чун пили маст,
Каманде ба бозу, камоне ба даст.

Гурозону чун шер[3] наъразанон,
Самандаш ҷаҳону ҷаҳонро канон.

Бар он гуна Рустам чу ӯро бидид,
Аҷаб монд дар вай, ҳаме бингарид.[4]

Ғамин гашту з-ӯ монд[5] андар шигифт,
Зи пайкораш андозаҳо баргирифт.

Чу Сӯҳроб боз омад, ӯро бидид,
Зи боди[6] ҷавонӣ дилаш бардамид.

Чу наздиктар шуд бад-ӯ бингарид,
Мар ӯро бад-он фарру он зӯр дид.[7]

1. ЛМ — зӯр.
2. И-б. 1126-1135 нест.
3. Л — тозону.
4. И — б. 1139 нест.
5. ЛМ – Ғамӣ гашт аз ӯ монд; И — Таҳамтан аз ӯ монда.
6. Л — тоби.
7. И — б. 1041, 1042 нест.

www.sattor.com

Чунин гуфт, к-эй раста аз чанги шер,*[1]
Чаро омадӣ боз наздам[2]*[3] далер?

Чаро омадӣ боз пешам? Бигӯй!
Сӯи ростӣ худ надорӣ ту рӯй.[4]

КУШТА ШУДАНИ СӮҲРОБ АЗ РУСТАМ

Дигарбора аспон бубастанд сахт,
Ба сар-бар ҳаме гашт бадхоҳ бахт.

Ҳар он гаҳ ки хашм оварад бахти шум,
Шавад санги хоро ба кирдори мум.

Ба куштӣ гирифтан ниҳоданд сар,
Гирифтанд ҳар ду дуволи камар.

Сипаҳдор*[5] Сӯҳроб он зӯрдаст
Ту гуфтӣ, ки чархи баландаш бибаст,

Ғамин[6] гашт, Рустам биёзид чанг,
Гирифт он сару ёли ҷангӣ паланг.[7]

Хам овард пушти диловар[8] ҷавон,
Замона сар омад, набудаш тавон.

1. М — растаи ҷанги ман.
2. Л — пеши шери.
3. М — Дар ҷанги ман.
4. И — б. 1144 нест;
ТПЗ — Ҳамоно, ки аз ҷон ту сер омадӣ,
Ки дар ҷанги шерон далер омадӣ.
Ду борат амон додам аз корзор,
Ба пирит бахшидам, эй номдор.
Чунин дод посух бад-ӯ пилтан,
Ки «Эй номвар гурди лашкаршикан,
Нагӯянд з-ин гуна мардони мард,
Ҳамоно ҷавонӣ туро ғарра кард.
Бибинӣ, ки аз пирмарди далер
Чӣ ояд ба рӯи ту, эй наррашер!
5. М — Сарафроз.
6. ИЛ — Ғамӣ.
7. Л — Гирифташ бару ёл ҷангӣ наҳанг.
8. ИЛ — далерӣ.

www.sattor.com

Задаш бар замин-бар ба кирдори шер,
Бидонист, к-ӯ ҳам намонад ба зер.

Сабук теғи тез аз миён баркашид,
Бари пури[1] бедордил бардарид.

Ҳар он гаҳ ки ту ташна гаштӣ ба хун,
Биёлудӣ ин ханҷари обгун,

Замона ба хуни ту ташна шавад,
Бар[2] андоми ту мӯй дашна шавад.

Бупечид, аз он пас яке оҳ кард,
Зи неку бад андеша[3] кӯтоҳ кард.

Бад -ӯ[4] гуфт, к-«Ин бар ман аз ман расид,
Замона ба дасти ту додам калид.

Ту з-ин бегуноҳӣ, ки ин кӯжпушт
Маро баркашиду ба зудӣ бикушт.

Ба бозӣ бигӯянд ҳамсоли ман,
Ба хок андаромад чунин ёли ман.

Нишон дод модар маро аз падар,
Зи меҳр андаромад равонам ба сар.

Ҳаме ҷустамаш, то бубинам-ш рӯй,
Чунин ҷон бидодам бад-ин орзуй.

Дареғо, ки ранҷам наёмад ба сар,
Надидам, дар ин ҳеч рӯи падар.[5]

Кунун гар ту дар об моҳӣ шавӣ,
Ва ё чун шаб андар сиёҳӣ шавӣ,

Ва ё чун ситора шавӣ бар сипеҳр,
Бибуррӣ зи рӯи замин пок меҳр,

1. ИЛ — шери.
2. Л — Зи.
3. Л — Зи нангаш ҳамон нола.
4. Л — Чунин.
5. ИЛ — б. 1161 нест.

www.sattor.com

Бихоҳад ҳам аз ту падар кини ман,
Чу бинад, ки хишт аст[1] болини ман.

Аз он номдорони гарданкашон
Касе ҳам барад назди Рустам нишон,

Ки Сӯҳроб куштасту афканда хор,[2]
Ҳаме хост кардан туро хостор.»

Чу бишнид Рустам, сараш хира гашт,
Ҷаҳон пеши чашм-андараш[3] тира гашт.

Ҳаме бетану тобу бетӯш гашт,
Бияфтод аз пою беҳуш гашт.

Бипурсид аз он пас, ки омад ба ҳуш,
Бад-ӯ гуфт бо нолаву бо хурӯш:

«Бигӯ, то чӣ дорӣ зи Рустам нишон.
Ки гум бод номаш зи гарданкашон,

Ки Рустам манам, к-ам мононад ном,
Нишинод бар мотамам пури Сом!»

Бизад наъраву хунаш[4] омад ба ҷӯш,
Ҳаме канд мӯю ҳаме зад хурӯш.

Чу Сӯҳроб Рустам бад-он сон бидид,
Бияфтоду[5] ҳуш аз сараш барпарид.[6]

Бад-ӯ гуфт: «Гар з-он ки Рустам туӣ,
Бикуштӣ маро хира бар[7] бадхуӣ.

---

1. Л — хок аст.
2. Л — Ки Сӯҳробат афкандаву гашта хор,
Туро хост кардан ҳаме хостор.
3. Л — чашмаш ҳаме.
4. ИЛ — ҷонаш.
5. Л — Ки афтоду.
6. Л — бардамид.
7. Л — аз.

www.sattor.com

Зи ҳар гуна будам туро раҳнамой,
Начунбид як зарра меҳрат зи ҷой.

Кунун банд бикшой аз ҷавшанам,
Бараҳна бибин ин тани равшанам.[1]

Чу бархост овози[2] кӯс аз дарам,
Биёмад пур аз хун ду рух модарам.

Ҳаме ҷонаш аз рафтани ман бихаст,
Яке мӯҳра бар бозуи ман бибаст.

Маро гуфт, к-ин аз падар ёдгор,
Бидору бубин, то кай ояд ба кор.

Кунун коргар шуд, ки бекор гашт,
Писар пеши чашми падар хор гашт.»

Чу букшод хафтону он мӯҳра дид,
Ҳама ҷома бар хештан бардарид.[3]

Ҳаме гуфт, к- «Эй кушта бар дасти ман,
Далеру ситуда ба*[4] ҳар анҷуман!»

Ҳамерехт хуну ҳамеканд мӯй,
Сараш[5] пур зи хоку пур аз об рӯй.

Бад-ӯ гуфт Сӯҳроб, к-«Ин бадтарист,
Ба оби ду дида набояд гирист.

Аз ин хештан куштан акнун чӣ суд,
Чунин рафту ин буданӣ кор буд.»

---

1. ТПЗ — Ба бозум- бар мӯҳраи худ нигар,
Бубин, то чӣ дид ин писар аз падар.
2. И — овони; И — Кунун кор баргашту бекор.
3. И-б. 1181 нест; Л — б. 1181 ин б.омада:
Бинолид гирён, бипурсид аз ӯй,
Ки, эй шердил, пури хуршедрӯй.
Аз ин пас дилам шодмона мабод,
Ба гетӣ маро худ замона мабод!
4. М — Ситуда ба ҳар ҷою.
5. ИЛ — Саре.

www.sattor.com

Чу хуршеди тобон зи гунбад бигашт,
Таҳамтан наёмад ба лашкар зи дашт.

Зи лашкар биёмад ҳушивор бист,
Ки то андар овардгаҳ кор чист?

Ду асп андар он дашт бар пой буд,
Пур аз гарду Рустам дигар ҷой буд.

Гави пилтанро чу бар пушти зин
Надиданд гурдон бар он дашти кин,

Чунон буд гумоншон,[1] ки ӯ кушта шуд,
Сари номдорон ҳама гашта шуд.

Ба Ковуси кай тохтанд огаҳӣ,
Ки тахти меҳӣ шуд зи Рустам тиҳӣ.

Зи лашкар баромад саросар хурӯш,
Баромад замона якояк ба ҷӯш.

Бифармуд Ковус, то бӯқу кӯс
Дамиданду омад сипаҳдор Тус.

В-аз он пас ба лашкар чунин гуфт шоҳ,
К-аз эдар ҳаюне сӯи размгоҳ

Битозед, то кори Сӯҳроб чист?
Ки бар шаҳри Эрон бибояд гирист.

Агар кушта шуд Рустами ҷангҷӯй,
Аз Эрон кӣ ёрад шудан пеши ӯй?[2]

Ба анбӯҳ захме бибояд задан,
Бад-ин размгаҳ барнашояд[3] будан.

Чу ошӯб бархост аз анҷуман,
Чунин гуфт Сӯҳроб бо пилтан,

---

1. ИЛ — гумоне.
2. ТПЗ — Бибояд чу Ҷамшед овора гашт,
Ки бинҳем сар ҷумла дар кӯҳу дашт.
3. ИЛ — барнабояд.

www.sattor.com

Ки «Акнун чу рӯзи ман андаргузашт,
Ҳама кори туркон дигаргуна гашт.

Ҳама меҳрбонӣ бад-он кун, ки шоҳ
Сӯи ҷанги Турон наронад сипоҳ,

Ки эшон ба пуштии[1] ман[2] ҷангҷӯй
Сӯи марзи Эрон ниҳоданд рӯй.

Басе рӯзро[3] дода будам навид,
Басе карда будам зи ҳар дар умед.[4]

Чӣ донистам, эй паҳлави номвар,
Ки бошад равонам ба дасти падар.[5]

Набояд, ки бинанд ранҷе ба роҳ,
Макун ҷуз ба некӣ дар эшон нигоҳ.

Дар[6] ин диж далере ба банди ман аст,
Гирифтори хамми каманди ман аст.

Басе з-ӯ нишони ту пурсидаам,
Ҳама буд хаёли ту дар дидаам.

Ҷуз он буд яксар суханҳои ӯй,
Аз ӯ боз монад тиҳӣ ҷои ӯй!

Чу гаштам зи гуфтори ӯ ноумед
Шудам лоҷарам тира рӯзи сапед.

Бубин, то кадоме аз эрониён
Набояд, ки ояд ба ҷонаш зиён.

Нишоне, ки буд дода модар маро
Бидидам, набуд дида бовар маро.

---

1. И — ҳам аз баҳри.
2. Л — зи баҳри маро.
3. И — рӯзашон.
4. ТПЗ — Бигуфтам, агар зинда бинам падар,
Ба гетӣ намонам яке тоҷвар.
5. ИЛ — б. 1203 нест.
6. ИЛ — Аз.

www.sattor.com

Чунинам навишта буд ахтар ба сар,
Ки ман кушта гардам ба дасти падар.

Чу барқ омадам, рафтам акнун чу бод,
Ба мину магар бинамат боз шод.»

Зи сахтӣ ба Рустам фурӯ баст дам,
Пур оташ дилу дидагон пур зи нам.

Нишаст аз бари Рахш Рустам чу гард,
Пур аз хун дилу лаб пур аз боди сард.

1215 Биёмад ба пеши сипаҳ бо хурӯш,
Дил аз кардаи хеш пурдарду[1] ҷӯш.

Чу диданд эрониён рӯи ӯй,
Ҳама барниҳоданд бар хок рӯй.

Ситоиш гирифтанд бар кирдгор,
Ки ӯ зинда боз омад аз корзор.

Чу з-он гуна диданд бар хок сар,
Дарида ҳама ҷомаву хаста бар,[2]

Ба пурсиш гирифтанд,[3] к-ин кор чист?
Туро дил бад-ин аз баҳри кист?

1220 Бигуфт он шигифтӣ, ки худ карда буд,
Гиромӣ писарро, ки озарда буд.[4]

Ҳама баргирифтанд бо ӯ хурӯш,
Намонд он замон бо сипаҳдор ҳуш.

Чунин гуфт бо сарфарозон, ки «Ман
На дил дорам имрӯз гӯӣ, на тан.[5]

---

1. Л — бо дарду.
2. Л — Дарида ҳама ҷайбу хаста ҷигар.
3. ИЛ — бигуфтанд.
4. Л — Гиромӣ тани худ биёзурда буд.
5. Л — б. б. 1222 ин б. омада:
Фурӯ мондам аз кор, эй анҷуман,
Ҳаме бугсилам ҷони ширин зи тан.

www.sattor.com

Шумо ҷанги Турон маҷӯед кас,
Ки ин бад, ки ман кардам имрӯз, бас!»

Завора биёмад бари пилтан,
Дарида бару ҷомаву хаста тан.

Чу Рустам бародар бар он гуна дид,
Бигуфт, он чи аз пури кушта шунид.

«Пушаймон шудам ман зи кирдори хеш,
Ситонам мукофот з-андоза[1] беш.

Писарро бикуштам ба пиронасар,
Бурида*[2] паю бехи он номвар.

Дарида[3] ҷигаргоҳи пури ҷавон,
Бигиряд бар ӯ чарх то ҷовидон.»

Фиристод наздики Ҳумон паём,
Ки шамшери кин монд андар ниём.

Нигаҳдори он лашкар акнун туви̅,
Нигаҳ кун бад-эшон, магар[4] нағнави̅,

Ки бо ту маро рӯзи пайкор нест,
Ҳамон беш аз ин ҷои гуфтор нест.[5]

Ту аз зиштхӯи̅ нагуфти̅ варо,
Бар оташ зади̅ ҷону дида маро.[6]

Бародар-шро гуфт пас паҳлавон,
Ки баргард, эй[7] гурди равшанравон.

1. ИЛМ –Биёбам мукофот аз андоза.
2. М — Буридам.
3. ЛМ — Даридам.
4. Л — агар; И — дигар.
5. Л — б. 1231 ин б. омада:
   Бикуштам ба бедониши̅ пури х(в)ад,
   Аз ин гар ба ман - бар бад ояд, сазад.
6. И-б. 1231, 1232 нест.
7. ЛМ — Ки̅, эй номвар.

www.sattor.com

Ту бо ӯ бирав то лаби рӯди Об,
Макун бар касе ҳеч гуна шитоб.

Завора биёмад ҳам андар замон,
Ба Ҳумон сухан гуфт аз паҳлавон.

Ба посух чунин гуфт Ҳумони гурд,
Ки «Бинмуд Сӯҳробро дастбурд

Ҳаҷири ситезандаи бадгумон,
Ки медошт рози сипаҳбад ниҳон.

Нишони падар ҷуст, бо ӯ нагуфт,
Равонаш ба бедонишӣ буд ҷуфт.

Ба мо ин бад аз шумии ӯ расид,
Бибояд мар ӯро сар аз тан бурид.»

Завора биёмад бари пилтан,
Зи Ҳумон сухан ронду аз анҷуман.

Зи кори Ҳаҷири бади бадгумон,
Ки Сӯҳробро з-ӯ сар омад замон.

Таҳамтан зи гуфтори ӯ хира гашт,
Ҷаҳон пеши чашм-андараш[1] тира гашт.

Ба назди Ҳаҷир омад аз дашти кин,
Гиребон-ш бигрифту зад бар замин.

Яке ханҷари обгун баркашид,
Сарашро ҳаме хост аз тан бурид.

Бузургон ба пӯзиш фароз омаданд,
Ҳаҷир аз дами марг боз истаданд.

Чу баргашт аз он ҷойгаҳ паҳлавон,
Биёмад бари хаста пури ҷавон.

Бузургон бирафтанд бо ӯ ба ҳам
Чу Тусу чу Гударзу чун Густаҳам.

1. Л — чашмаш ҳаме.

www.sattor.com

Ҳама лашкар аз баҳри он арҷманд
Забон баркушоданд яксар зи банд,

Ки дармони ин кор Яздон кунад,
Магар к-ин ғамон бар ту осон кунад.

Яке дашна биграфт Рустам ба даст,
Ки аз тан бибуррад сари хеш паст.

Бузургон бад-ӯ андаровехтанд,
Зи мижгон ҳаме хуни дил[1] рехтанд.

Бад-ӯ гуфт Гударз, к-«Акнун чӣ суд,
Гар аз рӯи гетӣ барорӣ ту дуд?

Ту бар хештан гар кунӣ сад газанд,
Чӣ осонӣ ояд бад-он арҷманд?

Агар монда бошад мар ӯро[2*3] замон,
Бимонад ба гетӣ, ту бо ӯ бимон.

В-агар з-ин ҷаҳон он ҷавон рафтанист,
Ба гетӣ нигаҳ кун, ки ҷовид кист?

Шикорем яксар ҳама пеши марг,
Сари[4] зери тоҷу сари[5] зери тарг.

Чу ояд-ш ҳангом, берун кунанд,
В-аз он пас надонем, то чун кунанд.

Зи марг, эй сипаҳбад, беандӯҳ кист?
Ҳаме хештанро бибояд гирист.

Дароз аст роҳаш в-агар кӯтаҳ аст,
Парокандагонем, агар ҳамраҳ аст.»

1. ИЛ — хун фурӯ.
2. Л — монад ӯро ба гетӣ.
3. М — Ҳеҷ мондаш ба гетӣ.
4. Л — Саре.
5. ИЛ — саре.

www.sattor.com

НӮШДОРУ ХОСТАНИ РУСТАМ АЗ КОВУС

Ба Гударз гуфт он замон паҳлавон,
Ки «Эй гурди бономи[1] равшанравон.

Паёме зи ман сӯи Ковус бар,
Бигӯяш, ки моро чӣ омад ба сар.

Ба дашна ҷигаргоҳи пури далер
Даридам, ки Рустам мамонод дер!

Гарат ҳеч ёд аст кирдори ман,
Яке ранҷа кун дил ба тимори ман.

Аз он нӯшдору, ки дар ганҷи туст,
Куҷо хастагонро кунад тандуруст,

Ба наздики ман бо яке ҷоми май
Сазад, гар фиристӣ ҳам акнун зи пай.

Магар, к-ӯ ба бахти ту беҳтар шавад,
Чу ман пеши тахти ту кеҳтар шавад.»

Биёмад сипаҳбад ба кирдори бод,
Ба Ковус яксар паёмаш бидод.

Бад-ӯ гуфт Ковус, к-«Аз пилтан
Киро бештар об наздики ман?*[2]

Нахоҳам, ки ӯро бад ояд ба рӯй,
Ки ҳасташ басе назди ман обрӯй.

Валекин агар доруи нӯш ман
Диҳам, зинда монад яли пилтан,

Кунад паст Рустам ба неру туро,
Ҳалок оварад бегумон мар маро.

1. ИЛ — К-аз эдар бирав зуд.
2. М — киро об бешаст аз анҷуман.

www.sattor.com

Агар як замон з-ӯ ба ман бад расад,
Насозем подоши ӯ[1] ҷуз ба бад.[2]

Шунидӣ, ки ӯ гуфт Ковус кист?
Гар ӯ шаҳрёр аст, пас Тус кист?[3]

Куҷо гунҷад андар ҷаҳони фарох
Бад-он фарру бурзу бад-он ёлу шох?[4]

Куҷо бошад ӯ пеши тахтам ба пой,
Куҷо ронад ӯ зери фарри ҳумой?

Ба дашном чанде маро баршумурд,
Ба пеши сипаҳ обрӯям бибурд.

Чу фарзанди ӯ зинда монад, маро
Яке[5] хок бошад ба даст-андаро.

Суханҳои Сӯҳроб нашнидаӣ?
На марди бузурги ҷаҳондидаӣ?

К-«Аз эрониён сар бибуррам ҳазор,
Кунам зинда Ковуси кайро ба дор.»

Агар монад ӯ зинда андар ҷаҳон,
Бупечанд аз ӯ ҳам меҳону кеҳон.

Касе душмани хештан парварад,
Ба гетӣ-дарун номи бад густарад.»[6]

Чу бишнид Гударз, баргашт зуд,
Бари Рустам омад ба кирдори дуд.

---

1. Л — подошро
2. ТПЗ — Ҳамон низ Сӯҳроби баргаштабахт,
   Ки савганд хӯрдӣ ба тоҷу ба тахт,
   Бад-ин найзаат гуфт беҷон кунам,
   Сарат бар сари дор печон кунам.
3. Л — чист.
4. ТПЗ — Нахоҳам ба некӣ сӯи ӯ нигоҳ,
   Агар тоҷбахш асту гар размхоҳ.
5. Л — Кунун.
6. И-б. 1276-1281 нест.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт:-«Хӯи бади шаҳрёр
Дарахтест ҳанзал, ҳамеша бабор.

Ба тундӣ ба гетӣ варо ёр нест,
Ҳамон ранҷи касро харидор нест.»[1]

1285 Туро рафт бояд ба наздики ӯй,
Ки равшан кунӣ ҷони торики ӯй.

ЗОРӢ КАРДАНИ РУСТАМ БАР СӮҲРОБ

Бифармуд Рустам, ки то пешкор
Яке ҷома орад бараш пурнигор.[2]

Ҷавонро бар он ҷомаи[3] зарингор
Бихобонду омад бари шаҳрёр.

Гави пилтан сар сӯи роҳ кард,
Кас омад паяш[4] зуду огоҳ кард?

Ки Сӯҳроб шуд з-ин ҷаҳони фарох,
Ҳаме аз ту тобут хоҳад, на кох.[5]

1290 Падар ҷусту барзад яке сардбод,[6]
Бинолиду мижгон ба ҳам барниҳод.[7]

Пиёда шуд аз аспу Рустам чу бод
Ба ҷои кулаҳ хок бар сар ниҳод.

Бузургони лашкар ҳама ҳамчунон
Ғиревону гирёну зорикунон.[8]

1. И-б. 1284 нест.
2. Л — Яке хона созад, бар он ҷӯйбор; И — Яке даҳма созад бар он ҷӯйбор.
3. Л — хонаи; И — дахмаи.
4. Л — бараш; И — пасаш.
5. ТПЗ — Чу бишнид Рустам, харошид рӯ,
Ҳаме зад ба сина, ҳаме канд мӯ.
6. Л — Дилаш хасту барзад яке боди сард.
7. Л — пур аз об кард.
8. И — б. 1292 нест.

www.sattor.com

Ҳаме гуфт зор: «Эй набарда[1] ҷавон,
Сарафрозу аз тухмаи паҳлавон.[2]

Набинад чу ту низ хуршеду моҳ
На ҷавшан, на хӯду на тахту кулоҳ.[3]

1295 Киро омад ин пеш, к-омад маро,
Ки фарзанд куштам ба пиронсаро?

Набери[4] ҷаҳондор Соми савор,
Сӯи модар аз тухмаи номдор.

Чу ман нест дар гирди кайҳон яке
Ба мардӣ будам пеши ӯ кӯдаке.[5]

Буридан ду дастам сазовор ҳаст,
Ҷуз аз хоки тира мабодам нишаст.[6]

Чӣ гӯям, чу огаҳ шавад модараш?
Чӣ гуна фиристам касеро бараш?

1300 Чӣ гӯям, чаро куштамаш бегуноҳ,
Чаро рӯз кардам бар ӯ-бар сиёҳ?

Кадомин падар ҳаргиз ин[7] кор кард?
Сазоворам акнун ба гуфтори сард.

Ба гетӣ кӣ куштаст фарзандро,
Далеру ҷавону хирадмандро?!

1. ИЛ — набард.
2. Л-б. 1294 ин б. омада:
Чунин паст шуд зуд болои ту,
Ҳаме бугзарад аз фалак рои ту.
Напарвард гетӣ чу ту як далер,
Лабат ношуда буд аз шир сер.
3. ИЛ — тахту на тоҷу на гоҳ.
4. Л — Набера.
5. ИЛ — б. 1297 нест.
6. ТПЗ — Ки фарзанд – Сӯҳроб додам ба бод,
Ки чун ӯ гави номдоре назод.
Зи Соми Наримону Гаршоспи гев
Ба мардӣ фузун буду гурдони нев.
7. Л — буд, к-ин; И — буд он бад, ки ин.

www.sattor.com

Падар-ш он гаронмоятар[1] паҳлавон,
Чӣ гӯяд бад-он духти поки ҷавон?

Бар ин[2] тухмаи Сом нафрин кунанд,
Маро ном бемеҳру[3] бедин кунанд.

Кӣ донист, к-ин кӯдаки арҷманд
Бад-ин сол гардад чу сарви баланд?!

Ба ҷанг оядаш рою созад сипоҳ,
Ба ман-бар кунад рӯзи равшан сиёҳ?»

Бифармуд, то дебаи хусравон
Кашиданд бар рӯи пури ҷавон.

Ҳаме орзу гоҳу шаҳр омадаш,
Яке танг тобут баҳр омадаш.

Аз он дашт бурданд тобути ӯй,
Сӯи хаймаи хеш бинҳод рӯй.

Ба пардасарой оташ андарзаданд,
Ҳама лашкараш хок бар сар заданд.

Ҳамон хаймаву дебаи ранг-ранг
Ҳама[*4] тахти пурмоя заррин паланг[5]

Бар оташ ниҳоданд, бархост ғав,
Ҳаме кард зорӣ ҷаҳондор гав.

Ҷаҳон чун ту дигар набинад савор
Ба мардиву гурдӣ гаҳи корзор.[6]

Дареғ, он ҳама мардиву рои ту,
Дареғ, он руху бурзу болои ту.[7]

1. ИЛ — гаронмоя.
2. Л — На бар.
3. ЛМ — Ҳаме номи ман низ.
4. М — ҳамон.
5. Л — ҳамон тахту пурмоя зини паланг. И — Ҳамон тахти пурмоя зини паланг.
6. Л — б. 1313 нест.
7. И — б. 1313, 1314 нест.

www.sattor.com

Дареғ, ин ғаму ҳасрати ҷонгусил,
Зи модар ҷудо в-аз падар доғдил!

Ҳаме рехт хуну ҳаме канд хок,
Ба тан ҷомаи хусравӣ карда чок.

Бигуфто: Накӯҳиш[1] кунад Золи Зар,
Ҳамон низ Рӯдобаи пурҳунар,

Ки Рустам ба кина*[2] бар ӯ даст ёфт,
Ба дашна ҷигаргоҳи ӯ баршикофт.

Бад-ин кор пӯзиш чӣ пеш оварам?
Ки дилшон ба гуфтори хеш оварам?

Чӣ гӯянд гурдону гарданкашон,
Чу з-ин сон шавад назди эшон нишон?

Аз ин чун бад-эшон расад огаҳӣ,
Ки баркандам аз боғ сарви саҳӣ.

Ҳама паҳлавонони Ковусшоҳ
Нишастанд бар хок бо ӯ ба роҳ.

Забони бузургон пур аз панд буд,
Таҳамтан бадард аз ҷигарбанд буд.

Чунин аст кирдори чархи баланд,
Ба дасте кулоҳу ба дигар каманд.[3]

Чу шодон нишинад касе бо кулоҳ,
Ба[4] хамми камандаш рабояд зи гоҳ.

Чаро меҳр бояд ҳаме бар ҷаҳон,
Чу бояд хиромид бо ҳамраҳон.[5]

1. Л — Никӯҳиш фаровон.
2. М — гуштин.
3. И — Ки гаҳ шодмон дораду гаҳ нажанд.
4. Ж-зи.
5. И-б. 1326 нест.

www.sattor.com

Чу андешае буд,[1] гардад дароз,
Ҳаме гашт бояд сӯи хок боз.

Агар чархро ҳаст аз ин огаҳӣ,
Ҳамоно, ки гаштаст мағзаш тиҳӣ.

Чунон дон, к-аз ин гардиш огоҳ нест,
Ба чуну[2] чаро сӯи ӯ роҳ нест.

Бад-ин рафтан акнун набояд гирист.
Надонем, фарҷоми ин кор чист?

Зи Сӯҳроб чун шуд хабар назди шоҳ,
Биёмад ба наздики ӯ бо сипоҳ.[3]

Ба Рустам чунин гуфт Ковуси кай,
Ки «Аз кӯҳи Албурз то барги[4] най

Ҳаме бурд хоҳад ба гардиш сипеҳр,[5]
Набояд фикандан бад-ин хок меҳр.

Яке зуд созад, яке дертар,
Саранҷом бар марг бошад гузар.

Дилу ҷон бад-ин рафта хурсанд кун,
Ҳама[6] гӯш сӯи хирадманд кун.

Агар осмон бар замин барзанӣ,
В-агар оташ андар ҷаҳон дарзанӣ,

---

1. Ж-Чу андешаи рӯз
   ТПЗ — Яке доира омада чанбарӣ,
   Фаровон дар ин доира доварӣ.
   На ҳар подшоҳу на ҳар бандаро
   Шиносад, на доно, на донандаро.
   Ҷаҳон саргузашт аст аз ҳар касе,
   Чунин гунагун бозӣ орад басе.
2. Ж-ки.
3. Ж-ҳамон.
4. Л — рӯз. 3 ИЛ — 1331 нест.
5. Л — обу.
6. Л — Ҳаме марг ёбад зи гардонсипеҳр.

www.sattor.com

Наёбӣ[1] ҳамон рафтаро боз ҷой,
Равонаш куҳан дон[2] ба дигар сарой.

Ман аз дур дидам бару ёли ӯй,
Чунон бурзу болову кӯполи ӯй.[3]

Замона барангехташ бо сипоҳ,
Ки эдар ба дасти ту гардад табоҳ.

Чӣ созиву дармони ин кор чист?
Бар ин рафта то чанд хоҳӣ гирист?»

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки ӯ худ гузашт,
Нишастаст Ҳумон дар ин паҳндашт.

Зи Турон саронанду чанде зи Чин,
Аз эшон ба дил-дар мадор эч кин.

Завора сипаҳро гузорад ба роҳ
Ба нерӯи Яздону фармони шоҳ.

Бад-ӯ гуфт шоҳ, эй гави номҷӯй,
Аз ин разм андӯҳат ояд[4] ба рӯй.

Гар эшон ба ман чанд бад кардаанд,
Ва гар дуд аз Эрон баровардаанд,[5]

Дили ман зи дарди ту шуд пур зи дард,
Нахоҳам аз эшон ба кин[6] ёд кард.[7]

---

1. ИЛ-наёрӣ.
2. И — шуд.
3. ТПЗ — Бигуфтам, ба туркон намонад ҳаме,
Зи тухми бузургон бимонад ҳаме.
4. Л — Туро з-ин нишон андӯҳ омад.
5. ТПЗ — Валекин чу рои ту бо ҷанг нест,
Маро низ бо ҷанг оҳанг нест.
6. Л — ҳаме.
7. ТПЗИЛ -Ҳаҷири диловар биёмад* зи роҳ
Чунин гуфт, к-аз пеш рафт он сипоҳ.

* ИЛ — чу омад.

www.sattor.com

БОЗГАШТАНИ РУСТАМ БА ЗОБУЛИСТОН

В-аз он ҷойгаҳ шоҳ лашкар биронд,
Ба Эрон хиромид,[1] Рустам бимонд.

Бад-он то Завора биёяд зи роҳ,
Бар ӯ огаҳӣ оварад з-он сипоҳ.

Завора биёмад сапедадамон,
Сипаҳ ронд Рустам ҳам андар замон.[2]

Пас он гаҳ сӯи Зобулистон кашид,
Чу огоҳӣ аз вай ба Дастон расид.

Ҳама Систон пеш боз омаданд,
Ба ранҷу ба дарду гудоз омаданд.

Сипаҳ пеши тобут меронданд,
Бузургон ба сар хок бифшонданд.

Бурида саманди сарафроз дум,
Дарида ҳама кӯсу рӯина хум.[3]

Чу тобутро дид Дастони Сом,
Фуруд омад аз аспи зарринлагом.

Таҳамтан пиёда ҳаме рафт пеш,
Дарида ҳама ҷома, дил карда реш.

Кушоданд гурдон саросар камар,
Ҳама пеши тобут бар хок сар,[4]

---

1. Л — хиромиду.
2. Л — Завора биёмад ҳам андар замон,
Сӯи ӯ шитобид Рустам дамон.
ТПЗЛ — Бурида думи бодпоён ҳазор,
Пур аз хок сар меҳтарон номдор.*
* Л — савор.
3. И-б. 1353 нест.
4. ТПЗИ — Ҳама рух кабуду ҳама ҷома чок,
Ба сар барфишонда бар ин сӯг хок.

www.sattor.com

Кушоданд тобути ӯ[1] сар ба зер,
Дареғ oнчунон номдори далер![2]

Таҳамтан ба зорӣ ба пеши падар
Зи тобути зардӯз баркард сар.

Бад-ӯ гуфт бингар, ки Соми савор
Бад-ин[3] тангтобут хуфтаст зор.[4]

Биборид Дастон зи ду дида хун,
Бинолид бо довари раҳнамун.

Таҳамтан ҳаме гуфт, к-«Эй номдор,
Ту рафтиву ман мондаам хору зор.»[5]

Ҳаме гуфт Зол ин-т кори шигифт,
Ки Сӯҳроб гурзи гарон баргирифт.

Нишонӣ шуд андар миёни меҳон,
Назояд чун ӯ модар андар ҷаҳон.

Ҳаме гуфту мижгон пур аз об кард,
Забон пур зи гуфтори Сӯҳроб кард.

Чу омад Таҳамтан ба айвони хеш,
Хурӯшиду тобут бинҳод пеш.

Чу Рӯдоба тобути Сӯҳроб дид,
Зи[6] чашмаш равон ҷӯи[7] хуноб дид.[8]

---

1. ИЛ — тобутро.
2. ИЛ — Дареғо, чун ӯ номдоре далер; И — Дареғо чунон номдори далер.
3. ЛМ — Дар ин.
4. Л — хор.
5. ИЛ — б. б. 1361 ин б. омада:
   Пас аз марги ту хок болин кунам,
   Ҳаме тарсам, ар дахма заррин кунам.
6. МЖ — ду.
7. Л — чу борони.
8. ТПЗИЛ -Бад-он танг тобут хуфта ҷавон,
   Ба зорӣ бигуфт: Эй шаҳи паҳлавон.*

* ИЛ – чароғи ғавон.

www.sattor.com

Ҳаме гуфт зор: Эй гави сарфароз,
Замоне зи сандуқ сар барфароз!

Ба зорӣ ҳаме мӯя оғоз кард,
Ҳаме баркашид аз ҷигар боди сард.

Ки, эй паҳлавонзодаи баччашер[1],
Назояд чу ту[2] зӯрманди далер.

Ба модар нагӯӣ ҳаме рози хеш,
Ки ҳангоми шодӣ чӣ омад-т пеш?[3]

Ба рӯзи ҷавонӣ ба зиндон шудӣ,
Бар ин хонаи мустамандон шудӣ.

Нагӯӣ, чӣ омад-т пеш аз падар,
Чаро бардаридат бад-ин сон ҷигар?

Фиғонаш зи айвон ба кайвон расид,
Ҳаме зор бигрист, ҳар к-он шунид.

Ба парда-дарун рафт бо сӯгу дард,
Дилаш пур зи дарду рухаш пур зи гард.[4]

Чу Рустам чунон дид, бигрист зор,
Биборид аз дида хун бар канор.

Ту гуфтӣ магар растахез омадаст,[5]
Ки дилро зи шодӣ гурез омадаст.[6]

Дигарбора тобути Сӯхроби шер
Биёвард, пеши меҳони далер.

---

1. ИЛ — б. 1368 - б. 1368, 1369 нест. Ж – шергир.
2. Ж- чунин.
3. ИЛ — омада ба пеш.
4. ИЛ — ду рухсора зард.
5. ИЛ — омадаш.
6. ИЛ — омадаш.

www.sattor.com

Аз он тахта[1*2] барканду бикшод сар,
Кафан з-ӯ ҷудо кард пеши падар.

Танашро бад-он номдорон намуд,
Ту гуфтӣ, ки аз чарх бархост дуд.

Ҳар он кас, ки буданд пиру ҷавон,
Зану мард гашта ҳама бетавон.[3*4]

Ҳама рух кабуду ҳама ҷома чок,
Ҳама дил пур аз дарду сар пур зи хок.[5]

Ҳама кох тобут буд сар ба сар,
Ғунуда ба сандуқ-дар шери нар.

Ту гуфтӣ, ки Сом аст боёлу суфт,
Ғамин[6] шуд зи ҷанг, андаромад, бихуфт.[7]

Бипӯшид бозаш[8] ба дебои зард,
Сари тангтобутро сахт кард.

Ҳаме гуфт: Агар дахма заррин кунам,
Зи мушки сияҳ гардаш огин кунам,

Чу ман рафта бошам, намонад ба ҷой,
В-агарна маро худ ҷуз ин нест рой.[9]

Яке дахма кардаш чу сумми сутур,
Ҷаҳоне зи зорӣ ҳаме гашт кӯр.

---

1. ИЛЖ — ӯ меҳ.
2. М — мех.
3. ЛЖ — гаштанд яксар навон; И — Бар ин мурда гаштанд яксар навон.
4. М — гаштанд яксар навон.
5. Л — Ба сар барфишонда бар ин сӯг хок.
6. ИЛ — Ғамӣ.
7. ТПЗИ - Чу диданд он мардумон рӯи ӯй,
   Бикарданд ҳар кас басе ҳою ҳуй.
8. Л — рӯяш.
9. ТПЗ — Чӣ созам ман акнун сазовори ӯй,
   Ки монад аз ӯ дар ҷаҳон рангу бӯй?

www.sattor.com

Тарошид тобуташ аз уди хом,
Бар ӯ барзада банди заррин ситом.[1]

Ба гетӣ ҳама бар[2] шуд ин достон,
Ки чун кушт фарзандро паҳлавон?!

1390 Ҷаҳон сар ба сар пур зи тимор гашт,
Ҳар он кас, ки бишнид, ғамхор гашт.

Ба Рустам бар ин рӯз чанде гузашт,
Ба гирди дилаш шодмонӣ нагашт.

Ба охир шикебоӣ овард пеш,
Ки ҷуз он намедид ҳинҷори хеш.

Ҷаҳонро басе ҳаст з-ин сон ба ёд,
Басе доғ бар ҷони ҳар кас ниҳод.

Киро дар ҷаҳон ҳаст ҳушу хирад,
Куҷо ӯ фиреби замона хурад.

1395 Чу эрониён з-ин хабар ёфтанд,
Бар он оташи ғам ҳаме тофтанд.

В-аз он рӯй Ҳумон ба Турон расид,
Бигуфт ӯ ба Афросиёб, он чи дид.

Аз ӯ монда буд шоҳи Турон шигифт,
В-аз он кор андоза андаргирифт.[3]

ОГОҲӢ ЁФТАНИ МОДАР АЗ КУШТА ШУДАНИ СӮҲРОБ

Ғирев омад аз шаҳри Туронзамин,
Ки Сӯҳроб шуд кушта бар дашти кин.

Хабар з-ӯ ба шоҳи Самангон расид,
Ҳама ҷома бар хештан бардарид.[4]

---

1. ИЛ — лагом.
2. ЗЖ — пур.
3. ИЛ-андозаҳо бас.
4. Л — б. 1399 ин б. омада:
   Ҳамон модари гурд-Сӯҳробро
   Бидод огаҳӣ з-он таку тобро.

www.sattor.com

Ба модар хабар шуд, ки Сӯҳроби гурд
Ба теғи падар хаста гашту бимурд.[1]

Бизад чангу бидрид пероҳанаш,
Дурахшон шуд он лаъли зебо танаш.

Баровард бонгу ғиреву хурӯш,
Замон то замон з-ӯ ҳамерафт[2] ҳуш.[3]

Мар он зулфи чун[4] тобдода каманд
Ба*[5] ангушт печиду[6] аз бун биканд.

Равон гашта аз рӯи ӯ ҷӯи хун,[7]
Замон то замон андаромад нагун.

Ҳама хоки тира[8] ба сар барфиканд,
Ба дандон зи бозуи худ гӯшт канд.[9]

Ба сар барфиканд оташу барфурӯхт,
Ҳама мӯи мушкин бар оташ[10] бисӯхт.

Ҳаме гуфт, к -«Эй ҷони модар, кунун
Куҷоӣ сиришта ба хоку ба хун?

Ду чашмам ба раҳ буд, гуфтам, магар
Зи Сӯҳробу Рустам биёбам*[11] хабар.

---

1. ТПЗ — Хурӯшиду ҷӯшиду ҷома дарид
   Ба зорӣ бар он кӯдаки норасид.
2. ЛЖ — ӯ ҳамешуд зи.
3. И — б. б. 402 ин б. омада:
   Фурӯ бурд нохун, ду дида биканд,
   Ба боло баромад, бар оташ фиканд.
4. И — Ду зулфайни он.
5. М — Бар.
6. Л — Барошуфт печид в-аз.
7. ИЛМ – Зи рух мечакидаш фуруд оби хун.
8. ИЛ — раҳро.
9. ИЛЖ — Ба дандон ҳама* гӯшти бозӯ биканд.
   * И — ҳаме;
10. ИЛЖ — ҷаъду мӯи сиёҳаш.
11. М — Биёбам зи фарзанду Рустам.

www.sattor.com

Гумонам чунин буд, гуфтам кунун
Бигаштӣ ба гирди ҷаҳон-андарун.

Падарро ҳаме ҷустиву ёфтӣ,
Кунун б-омадан тез биштофтӣ.

Чӣ донистам, эй пур, к-ояд хабар,
Ки Рустам ба ханҷар даридат ҷигар.

Дареғаш наёмад аз он рӯи ту,
Аз он бурзу болову бозуи ту.

Аз[1] он гирдгоҳаш наёмад дареғ,
Ки бибрид Рустам ба бурранда теғ.[2]

Бипарварда будам танашро[*3] ба ноз
Ба рахшандарӯзу[4] шабони дароз.

Кунун он ба хун-андарун ғарқа гашт,
Кафан бар тани поки ӯ хирқа гашт.

Кунун ман киро гирам андар канор?
Кӣ хоҳад будан[5*6] мар маро ғамгусор?

Киро хонам акнун ба ҷои ту пеш?
Киро гӯям ин дарду тимори хеш?

Дареғо, тану ҷону чашму чароғ,
Ба хок-андарун монда аз коху боғ!

Падар ҷустӣ, эй гурди[*7] лашкарпаноҳ,
Ба ҷои падар гӯрат омад ба роҳ.[8]

---

1. ИЛМ — Ба хок -андарун;
ТПЗИЛ -Ғарибу асиру нажанду назор
Ба хок- андарун он тани номдор.*
* И — шуд сари номдор.
2. Л — Бар.
3. М — танатро.
4. Л — Ки бидрид Рустам мафоҷо ба теғ; И — б. 1413.
5. ИЛ — Кӣ бошад кунун.
6. М — бошад ҳаме.
7. МЖ — шери.
8. ИЛ — б. 1419 нест.

www.sattor.com

Аз уммед навмед гаштӣ ту зор,
Бихуфтӣ ба хок-андарун зору хор.

Аз он пеш, к-ӯ дашнаро баркашид,
Ҷигаргоҳи симини ту бардарид,

Чаро он нишоне, ки модар-т дод,
Надодӣ бар ӯ- бар, накардиш[1] ёд?

Нишон дода буд аз падар модарат,
Зи баҳри чӣ н-омад ҳаме[2] боварат?

Кунун модарат монд бе ту асир,
Пур аз ранҷу тимору дарду заҳир.

Чаро н-омадам бо ту андар сафар,
Ки гаштӣ ба гурдони гетӣ самар?*[3]

Маро Рустам аз дур бишнохтӣ,
Туро бо ман, эй пур бинвохтӣ.

Бияндохтӣ теғ он сарфароз
Накардӣ ҷигаргоҳат, эй пур, боз.»

Ҳаме гуфту мехасту меканд мӯй,
Ҳаме зад кафи даст бар хуб рӯй.[4]

Зи бас, к-ӯ ҳаме шевану нола кард,
Ҳама халқро чашм пуржола кард.

Бар ин гуна беҳуш бияфтод паст,
Ҳама халқро дил бар ӯ-бар бихаст.

---

1. ИЛ-бад-ӯву накардиш.
2. И — туро.
3. М — коми диласт моҳу (х)вар.
4. ТПЗИЛ -Ҳаме гуфт модар-т бечора гашт,
   Ба ханҷар ҷигаргоҳи ту пора гашт.
   Зи ҳар сӯ бар ӯ анҷуман гашт халқ,
   К-аз он гиря дар хун ҳаме гашт ғарқ.*

* Л — танҳо б. дувум мавҷуд аст.

www.sattor.com

Бияфтод бар хок, чун мурда гашт,
Ту гуфтӣ, ҳаме хунаш афсурда гашт.

Ба ҳуш омаду боз нолиш гирифт,
Бар он пури кушта сиголиш гирифт.

Зи хуни ҷигар кард лаъл обро,
Биёвард он тоҷи[1] Сӯҳробро.

Ҳаме зор бигрист бар тоҷу тахт,
Ҳаме гуфт, эй хусравонӣ дарахт.

Биёвард он ҷармаи бодпой,
Ки дар рӯзи равшан бад-ӯ буд рой.[2]

Сари[3] аспи ӯро ба бар даргирифт,
Бимонда ҷаҳоне бад-ӯ дар шигифт.[4]

Гаҳе бӯса зад бар сараш, гаҳ ба рӯй
Зи хун зери суммаш ҳаме ронд ҷӯй.

Зи хуни мижа хокро кард лаъл,
Ҳаме рӯй молид бар сумму наъл.

Биёвард он ҷомаи шоҳвор,
Гирифташ чу фарзанд андар канор.

Биёвард хафтону диръу камон,
Ҳамон найзаву теғу гурзи гарон.[5]

Биёвард зину лагому сипар,
Лагому сипарро ҳаме зад ба сар.

Камандаш биёвард ҳаштод ёз,
Ба пеши худ - андар фикандаш дароз.

1. И — Ба пеш оварид аспи.
2. И — б. 1434, 1435 нест.
3. И — Суми.
4. И — Бад-ӯ монд наззора андар шигифт.
5. ТПЗИ — Ба сар-бар ҳаме зад гарон гурзро,
Ҳаме ёд кард он бару бурзро.

www.sattor.com

Биёвард он ҷавшану хӯди ӯй,
Ҳаме гуфт, к-эй шери пархошҷӯй!

Ҳаме теғи Сӯҳробро баркашид,
Фашу думми аспаш зи нима бурид.

Ба дарвеш дод ин ҳама хоста,
Зару симу аспони ороста.

Дари кох барбасту тахташ биканд,
Зи боло дароварду пасташ*[1] фиканд.

Дари хонаҳоро сияҳ кард пок,
Зи коху равоқаш баровард хок.

Фурӯ ҳишт ҷое, ки буд ҷои базм,
Аз он[2] базмгаҳ рафта будаш ба разм.

Бипӯшид пас ҷомаи нилгун,
Ҳамон нилгун ғарқ гашта ба хун.

Ба рӯзу ба шаб мӯя карду гирист,
Пас аз марги Сӯҳроб соле бизист.

Саранҷом ҳам дар ғами ӯ бимурд,
Равонаш бишуд сӯи Сӯҳроби гурд[3].

Чунин гуфт Баҳроми некӯсухун,
Ки «Бо мурдагон ошноӣ макун.[4]

На эдар ҳаме монд хоҳӣ дароз,
Басечида бошу диранге масоз.[5]

Ба ту дод як рӯз навбат падар,
Сазад, гар туро навбат ояд ба сар.

---

1. М — хораш.
2. И — К-аз он.
3. Л — б. 1431-1451 нест.
4. И — б. 1452 нест.
5. ТПЗЛ — Чунин аст расми сарои куҳун,
Сараш ҳеч пайдо набинӣ зи бун*.

* Л — Сараш нест пайдову пояш зи бун.

www.sattor.com

Чунин асту розаш наёмад падид,
Наёбӣ, ба хира чӣ ҷӯӣ калид?

Дари бастаро кас надонад кушод,
Бад он*[1] ранҷ умри ту гардад ба бод.

Валекин, ки андар гузашт аз қазо,
Чунин буд қазо аз Худованди мо.

Дил андар сарои сипанҷӣ мабанд,
Сипанҷӣ набошад басе судманд.»

Аз ин достон рӯй бартофтам,
Ба кори Сиёвуш бипардохтам,[2]

Яке достон аст пуроби чашм,
Дили нозук аз Рустам ояд ба хашм.

ДОСТОНИ СИЁВУШ

ОҒОЗИ ДОСТОН

Кунун, эй сухангӯи бедормағз,
Яке достоне биёрой нағз.

Сухан чун баробар шавад бо хирад,
Равони сароянда ромиш барад.[3]

Касеро, ки андеша нох(в)аш бувад,
Бад-он нохушӣ рои ӯ каш бувад.

Ҳаме хештанро чалипо кунад,
Ба пеши хирадманд расво кунад.

Валекин набинад кас оҳуи хеш,
Туро равшан ояд ҳаме хӯи хеш.

1. М — Дар ин.
2. Л — б. 1457 — 1459 нест.
3. Л-Забон низ оянда номаш барад; И – б. б. 2. ин б. омада:
Ҳам он гаҳ ки андешаи бад кунад,
Ба фарҷом бад бо тани х(в)ад кунад

www.sattor.com

Агар дод бояд, ки монад ба ҷой,
Биёрой, з-он пас ба доно намой.

Чу донописанду писандида гашт,
Ба ҷӯи ту-дар об чун дида гашт.

Зи гуфтори деҳқон кунун достон
Бипайвандам аз гуфтаи бостон.

Куҳангашта ин достонҳо зи ман
Ҳаме нав шавад бар сари анҷуман.*[1]

Агар зиндагонӣ бувад дерёз,
Бад-ин дайр хуррам бимонам дароз,

Яке мевадоре бимонад зи ман,[2]
Ки монад ҳаме бори ӯ бар чаман.

Аз он пас, ки бинмуд панҷоҳу ҳашт,
Ба сар - бар фаровон шигифтӣ гузашт.

Ҳаме оз камтар нагардад ба сол,
Ҳаме рӯз ҷӯям ба тақвиму фол.

Чӣ гуфт андар ин*[3] мӯбади пешрав,
Ки ҳаргиз нагардад куҳангашта нав.

Ту чандон, ки бошӣ, сухангӯй бош,
Хирадманд бошу накӯхӯй[4] бош.

Чу рафтӣ, сару кор бо Эзад аст
Агар нек бошад-т кор, ар бад аст.

Нигар, то чӣ корӣ, ҳамон бидравӣ,
Сухан ҳар чи гӯӣ, ҳамон бишнавӣ.[5]

1. М-Кунун нав кунад рӯзгори куҳан.
2. Л-б. 9, 19 нест.
3. М-чӣ гуфтаст он.
4. ИЛ –ҷаҳонҷӯй.
5. И –б. 16, 17 нест.

www.sattor.com

Дуруштӣ зи кас нашнавад нармгӯй,
Сухан то тавонӣ, ба озарм гӯй.

Ба гуфтори деҳқон кунун боз гард,
Нигар, то чӣ гӯяд сароянда мард.

ДОСТОНИ МОДАРИ СИЁВУШ

Чунин гуфт мӯбад, ки як рӯз Тус
Бад-он гаҳ, ки хезад хурӯши хурӯс,

Худу Геву Гударзу чандин[1] савор
Бирафтанд шод аз дари шаҳрёр.

Бигаштанд гирди лаби ҷӯйбор
Гурозону тозон зи баҳри шикор.

Фаровон гирифтанду*[2] андохтанд,
Улуфа чиҳилрӯза-бар[3] сохтанд.

Бад-он ҷойгаҳ турк наздик буд,
Заминаш зи хиргоҳ торик буд.

Яке беша пеш андаромад зи дур
Ба наздики марзи саворони Тур.

Ҳаме ронд дар пеш бо Тус Гев
Пас - андар парастандае чанд нев.

Бад-он беша рафтанд ҳарду савор,[4]
Бигаштанд чанде зи баҳри шикор.

Ба беша яке хубрух[5] ёфтанд,
Пур аз ханда лаб, ҳарду биштофтанд.

1. ИЛ- чанде.
2. Л-б. 23 нест;
   И- Зи нахчирашон дил пурандеша буд,
   Ба наздики эшон яке беша буд.
3. Л-чиҳилрӯзаро.
4. ИЛ-бар гирди он марғзор.
5. И-хубрӯ.

www.sattor.com

Ба дидори ӯ дар замона набуд,
Зи хубӣ бар ӯ-бар баҳона набуд.

Ба боло чу сарву ба дидор моҳ
Нашоист кардан бад-ӯ-дар нигоҳ[1]

Бад-ӯ гуфт Тус, «Эй фиребанда моҳ,
Туро сӯи беша кӣ бинмуд*[2] роҳ?»

Чунин дод посух, ки «моро падар
Бизад дӯшу бугзоштам буму бар.

Шаби тира*[3] маст омад аз базми[4] сур
Ҳамон чун маро дид, ҷӯшон зи дур

Яке теғи[5] заҳробгун баркашид,[6]
Ҳаме хост аз тан сарамро бурид».

Бипурсид пас паҳлавон аз нажод,
Бад-ӯ сарвбун як ба як кард ёд.

Бад-ӯ гуфт: «Ман хеши Гарсевазам,[7]
Ба шоҳ Офаридун кашад парвазам».

«Пиёда, бад-ӯ гуфт, чун омадӣ,
Ки бе бораву раҳнамун омадӣ?»

Чунин*[8] дод посух, ки «Асбам бимонд,
Зи сустӣ маро бар замин барнишонд.

Беандоза зарру гуҳар доштам,
Ба сар-бар яке тоҷи зар доштам.

---

1. ИЛ – б. 31 нест.
2. М – ин беша кай буд.
3. М – дер.
4. ИЛ – дашти.
5. И – ханҷари.
6. ТПЗ – Гурезон дар ин беша ҷустам паноҳ.
   Расидастам ин лаҳза эдар зи роҳ.
7. ИЛ – Гаршевазам.
8. М – Бад-ӯ.

www.sattor.com

Бад-он рӯй боло зи ман*[1] бистаданд,
Ниёми яке теғ бар ман заданд.

Бичастам ман аз бим аз пешашон
Бад-ин бешаам, хун зи дида фишон.[2]

Чу ҳушёр гардад падар бе гумон,
Саворон фиристад паси ман дамон.

Биёяд ҳаме тозиён модарам,
Нахоҳад, к-аз ин буму бар бугзарам».

Дили паҳлавонон бад-ӯ гарм гашт,
Сари Туси Нӯзар беозарм[3] гашт.

Шаҳи Нӯзарӣ гуфт: «Ман ёфтам,
Азеро чунин тез биштофтам».

Бад-ӯ гуфт Гев: «Эй сипаҳдор, шоҳ
На бо ман баробар будӣ бе сипоҳ».

Ҳамон Туси Нӯзар дар он бистаҳид:[4]
«Куҷо пеш аспи ман ин ҷо расид».

Бад-ӯ гуфт Гев: «Ин сухан худ магӯй,
Ки ман тохтам пеш нахчирҷӯй.

Зи баҳри парастандае каж[5] магӯй,
Нагардад ҷавонмард пархошҷӯй».

Суханшон зи тундӣ ба ҷое расид,
Ки ин моҳро сар бибояд бурид.

Миёншон ҳаме[6] доварӣ шуд дароз,
Миёнҷӣ биёмад яке сарфароз,

1. М-зи ман рӯзбонон ҳаме
2. ИЛ – б. 42 нест.
3. Л – пурозарм.
4. Л – Тус гуфт: ин нахоҳам шунид.
5. Л – газанди ҳаме худ; М – кажжӣ.
6. ИЛ – чунон.

www.sattor.com

Ки инро бари шоҳи Эрон баред,
Бар он, к-ӯ ниҳад, ҳарду фармон баред.

Нагаштанд ҳарду зи фармони ӯй,
Сӯи*[1] шоҳи Эрон ниҳоданд рӯй,

Чу Ковус рӯи канизак бидид,
Дилаш меҳру пайванди ӯ баргузид.[2]

Ба ҳар ду сипаҳбад чунин гуфт шоҳ,
Ки «Кӯтоҳ шуд бар шумо ранҷи роҳ.

Гавазн аст, агар оҳуи дилбар аст,
Шикоре чунин дархури меҳтар аст.

Бар ин достон бигзаронем рӯз,
Ки хуршед гиранд гурдон ба юз».

Бад-ӯ гуфт хусрав: «Нажоди ту чист,
Ки чеҳрат ба монанди чеҳри парист?»

Бигуфто, ки «Аз мом хотуниям,
Ба сӯи падар Офаридуниям.[3]

Ниёям сипаҳдор Гарсеваз аст,
Бад-он марз хиргоҳи ӯ парваз[4] аст»

Бад-ӯ гуфт, к – «Ин рӯю мӯю нажод
Ҳаме хостӣ дод ҳар се ба бод?

Ба мушкӯи заррин кунам шоядат
Сари моҳрӯён кунам боядат».

Чунин дод посух, ки*[5] «Дидам туро,
Зи гарданкашон баргузидам туро».

1. М – Бари.
2. ИЛМ – Бихандиду лабро ба дандон газид.
3. ИЛ – Зи сӯи падар - дар Фаридуниям.
4. ИЛ – марказ.
5. М – З- Офаридуниям. М – чу.

www.sattor.com

Даҳ аспи гаронмоя бо тоҷу гоҳ
Ба ҳарду сипаҳбад фиристод шоҳ.[1]

Бут андар шабистон фиристод шоҳ,
Бифармуд, то барнишинад ба гоҳ.

Ниҳоданд зер - андараш тахти оҷ,
Ба сар-бар зи зарру зи пирӯза тоҷ.[2]

Биёростандаш ба дебои зард,
Ба ёқуту пирӯзаву лоҷвард.

Дигар эзадӣ ҳар чи боист буд,
Яке сурх ёқут буд нобисуд.

ЗОДАНИ СИЁВУШ АЗ МОДАР

Басе барнаёмад бар ин рӯзгор,
Ки ранг андаромад ба хуррам баҳор.

Бар ӯ-бар ҳаме гашт гардонсипеҳр,
Чу нӯҳ маҳ баромад бар он хубчеҳр,[3]

Бигуфтанд бо шоҳ Ковуси кай,
Ки бар хӯрдӣ аз моҳи фархундапай.

Яке бачаи фаррух омад падид,
Кунун тахт бар абр бояд кашид.

Ҷудо гашт аз ӯ кӯдаке чун парӣ,
Ба чеҳра ба сони бути озарӣ.

Ҷаҳон гашт аз он хурд пургуфтугӯй,
К-аз он гуна нашнид кас рӯю мӯй.

Ҷаҳондор номаш Сиёвахш кард,
Бад-ӯ чархи гардандаро бахш кард.[4]

1. ИЛ –б. 65 нест.
2. ИЛ – б. 67 нест.
3. ТПЗИЛ – Чу нӯҳ моҳ бугзашт бар хубчеҳр,
Яке кӯдак омад чу тобанда меҳр.
4. ТПЗ – Бихондаш ситорашиноси бузург,
Ба худ барниҳодаш сипоси бузург.

www.sattor.com

Аз он, к-ӯ шумори сипеҳри баланд
Бидонист неку баду чуну чанд,

Ситора бад-он кӯдак ошуфта дид,
Ғамин[1] гашт, чун бахти ӯ хуфта дид,

Бидид аз баду нек озори ӯй,
Ба Яздон панохид дар кори ӯй.

Бигуфт ӯ зи кори писар шоҳро
Намудаш якояк бад-ӯ роҳро.[2]

Чунин то баромад бар ин рӯзгор,
Таҳамтан биёмад бари шаҳрёр.

Чунин гуфт, к-«Ин кӯдаки шерфаш
Маро парваронид бояд ба каш.

Чу дорандагони туро моя нест,
Мар ӯро ба гетӣ чу ман доя нест.

Басе меҳтар андеша кард андар он,
Наёмад ҳаме бар дилаш - бар гарон.

Ба Рустам супурдаш дилу дидаро,
Ҷаҳонҷӯй пури[3] писандидаро.

Таҳамтан бибурдаш ба Зобулситон,
Нишастангаҳе сохт дар бӯстон.*[4]

Савориву[5] тиру камону каманд,
Инону рикебу чиву чуну чанд,

Нишастангаҳу маҷлису майгусор,
Ҳамон бозу шоҳину юзу[6] шикор,

1. 3 ИЛ –Ғамӣ.
2. ИЛ –б. 80 нест.
3. ИЛ –гурди.
4. М – бар гулситон.
5. Л –саворӣ ба.
6. И –кори.

www.sattor.com

Зи доду зи бедоду тахту кулоҳ,
Сухан гуфтану разму рондан сипоҳ.

Ҳунарҳо биёмӯхташ сар ба сар,
Басе ранҷ бардошт, к-омад[1] ба бар.

Сиёвуш чунон шуд, ки андар ҷаҳон
Ба монанди ӯ кас набуд аз меҳон.

Чу якчанд бигзашту ӯ шуд баланд,
Ба нахчир шер оваридӣ ба банд.[2]

Чунин гуфт бо Рустами сарфароз,
Ки «Омад ба дидори шоҳам ниёз,

Басе ранҷ бурдиву дил сӯхтӣ,
Ҳунарҳои шоҳонам омӯхтӣ.

Падар бояд акнун, ки бинад зи ман
Ҳунарҳову*[3] омӯзиши пилтан».

Гави шердил кори ӯро бисохт,
Фиристодагонро ба ҳар сӯ битохт.

Аз аспу парастандаву симу зар,
Зи мӯҳру зи теғу[4] кулоҳу камар,

Зи пӯшиданӣ, ҳам зи огандан[5]
Зи ҳар сӯ биёвард оварданӣ.

Аз ин ҳар чи дар ганҷи Рустам набуд,
Зи*[6] гетӣ фиристоду овард зуд.

Гусӣ кард аз он гуна ӯро ба роҳ,
Ки шуд бар Сиёвуш назора сипоҳ.

---

1. Л –бардошту омад.
2. ИЛМ –Сӯи гардани шер шуд бо каманд.
3. М –ҳунарҳои.
4. Л –хӯду зи тахту.
5. И –густарданӣ.
6. М –Ба.

www.sattor.com

Ҳаме рафт бо ӯ Таҳамтан ба ҳам,
Бад-он то сипаҳбад набошад дижам.

Ҷаҳоне ба оин биёростанд,
Чу хушнудии паҳлавон[1] хостанд.

Ҳама зарру анбар биёмехтанд,[2]
Зи шодӣ[3] ба сар-бар ҳаме рехтанд.

Ҷаҳон шуд пур аз шодиву хоста,
Дару боми[4] ҳар барзан[5] ороста.

Ба зери паи тозиаспон дирам,
Ба Эрон надиданд як тан дижам.[6]

Ҳама ёли асп аз карон то карон
Барандуда мушку маи[7] заъфарон.

БОЗ ОМАДАНИ СИЁВУШ ЗИ ЗОБУЛИСТОН

Чу омад ба Ковусшоҳ огаҳӣ,
Ки омад Сиёвахш[8] бо фарраҳӣ,

Бифармуд, то бо сипаҳ Геву Тус
Бирафтанд бо шодию бӯқу[9] кӯс.

Ҳама номдорон шуданд анҷуман,
Ба як даст Тусу дигар пилтан.

Хиромон бари шаҳрёр омаданд,
Ки бо навдарахте ба бор омаданд.

Чу омад бари кохи Ковусшоҳ,
Хурӯш омаду баркушоданд роҳ.

1. ИЛ –номвар.
2. И –Ҳаме зар ба анбар баромехтанд.
3. Л –В-аз он пас; ИМ –гунбад.
4. ИЛ –бому.
5. Л –равзан.
6. И –б. 105 нест.
7. Л –Бисуданд мушку маю; И – Пароганда мушку маю.
8. Л –Сиёвуш.
9. ИЛ –пилу.

www.sattor.com

Парастор бо миҷмару[1] бӯи х(в)аш
Назора бар ӯ даст карда ба каш.

Ба ҳар кунҷ-бар сесад истода буд,
Миёни[2] ҳама сарви[3] озода буд.

Басе зарру гавҳар барафшонданд,
Саросар бар ӯ*[4] офарин хонданд.

Чу Ковусро дид бар тахти оҷ,
Зи ёқути рахшанда бар сар-ш тоҷ,

Нахуст офарин карду бурдаш намоз,
Замоне ҳаме гуфт бо хок роз.

В-аз он пас биёмад бари шаҳрёр,
Сипаҳбад гирифташ сар андар канор.

Зи Рустам бипурсиду бинвохташ,
Бар он тахти пирӯза*[5] биншохташ.

Чунон аз шигифтӣ бар ӯ-бар бимонд,
Басе офаринҳо бар ӯ-бар бихонд.

Бар он бурзу болову он фарри ӯй
Басе буданӣ диду бас гуфтугӯй.

Бад-он андаке солу чандин хирад,
Ки гуфтӣ равонаш хирад парварад.

Басе офарин аз ҷаҳонофарин
Бихонду бимолид рух бар замин.

Ҳаме гуфт, к-«Эй кирдгори сипеҳр,
Худованди ҳушу худованди меҳр,[6]

1. И –мӯбаду.
2. Л –Миёнаш.
3. ИМ –Миён-дар Сиёвахши.
4. М –Ҳаме.
5. М –фирӯза.
6. Л –б. 121 -123 нест.

www.sattor.com

Ҳама некуиҳои*[1] гетӣ зи туст,
Ниёиш зи фарзанд гирам нахуст».

Бузаргони Эрон ҳама бо нисор
Бирафтанд шодон бари шаҳрёр.

Зи фарри Сиёвуш дурӯ монданд,
Бар ӯ-бар басе[2] офарин хонданд.

Бифармуд, то пешаш озодагон[3]
Бибастанд гурдони лашкар миён.

Ба боғу ба коху ба айвони[4] ӯй
Ҷаҳоне зи[5] шодӣ ниҳоданд рӯй.

Ба ҳар ҷой ҷашне биёростанд,
Маю руду ромишгарон хостанд.

Яке сур фармуд, к-андар ҷаҳон
Касе пеш аз он худ накард аз меҳон.

Яке ҳафта буданд аз он гуна шод,[6]
Ба ҳаштум дари ганҷҳо баркушод.

Зи ҳар чиз ганҷе бифармуд шоҳ
Зи мӯҳру[7] зи теғу зи тахту кулоҳ.

Зи аспони тозӣ ба зини хаданг,[8]
Зи баргуставонҳову[9] хафтони ҷанг

Зи динору аз бадраҳои дирам,
Зи дебову аз гавҳарон[10] бешу кам.

---

1. М –некӯиҳо ба.
2. ИЛ –Ба додор-бар.
3. ИЛ –эрониён.
4. ИЛ –майдони.
5. ИЛМ –ба.
6. ИЛМ – Ба як ҳафта з-ин гуна буданд шод.
7. Л –хӯду.
8. ИЛ –паланг.
9. ИЛ -баргуставону зи.
10. Л –аз гавҳару.

www.sattor.com

Ҷуз афсар, ки ҳангоми афсар набуд,
Бад - он кӯдакӣ тоҷ дарх(в)ар набуд.

Сиёвахшро[1] доду кардаш навид,
Зи хубӣ бидодаш фаровон умед.

Чунин ҳафт солаш ҳаме озмуд,
Ба ҳар кор ҷуз покзода набуд.

Ба ҳаштум бифармуд, то тоҷи зар,
Ҳамон тавқи заррину[2] занринкамар.

Набиштанд маншур бар парниён
Ба расми бузургону фарри каён.[3]

Замини куҳистон варо дод шоҳ,
Ки буд ӯ сазои бузургиву гоҳ.[4]

Чунин хондандаш ҳаме пештар,
Ки хонӣ кунун[5] Мовароуннаҳар.

ВАФОТ ЁФТАНИ МОДАРИ СИЁВУШ

Ба фармони шаҳ чун басечид кор,
Бирафт аз ҷаҳон модари шаҳрёр.

Сиёвуш зи гоҳ андаромад чу дев,
Баровард бар чархи гардон ғирев.

Ба тан ҷомаи хусравӣ кард чок,
Ба сар-бар пароканд торик хок.

Ҳаме буд бо сӯги модар дижам,
Ҳаме кард бо ҷони ширин ситам.

Басе навҳа кардаш ба рӯзу ба шаб,
Басе рӯз накшод бар ханда лаб.

1. Л –Сиёвушро.
2. И –гавҳарафшону.
3. И –Ҳама подшоҳӣ ба расми каён.
4. ИЛ – Сазовори тахту кулоҳ.
5. И –туаш.

www.sattor.com

Ҳаме буд як моҳ бо дарду доғ,
Намеҷуст як дам зи андуҳ фароғ.[1]

Аз он чун бузургон хабар ёфтанд,
Ба пеши Сиёвахш биштофтанд.

Чу Тусу Фарибурзу Гударзу Гев,
Чи шаҳзода, чи паҳлавонони нев.

Сиёвуш чу рухсори эшон бидид,
Зи дил боз оҳи дигар баркашид.

Зи нав гиряи дигар оғоз кард,
Дари андуҳони дилаш боз кард.

Чу Гударз он сӯги шаҳзода дид,
Дижам шуд, чу он сарви озода дид,

Бихарҷиду гуфташ, ки «Эй шоҳзод,
Шунав панду аз нав макун сӯг ёд,

Ҳар он кас, ки зод ӯ зи модар, бимурд,
Зи дасти аҷал ҳеч кас ҷон набурд.

Кунун гарчи модар-т шуд ёдгор,
Ба минӯст ҷои вай, андуҳ мадор».

Ба сад лобаву панду афсуну рой
Дил овард шаҳзодаро боз ҷой.

ОШИҚ ШУДАНИ СУДОБА БАР СИЁВУШ

Баромад бар ин низ як рӯзгор,
Бад-ӯ шодмон шуд дили шаҳрёр.[2]

Яке рӯз Ковуси кай бо писар
Нишаста, ки Судоба омад зи дар.[3]

1. ИЛ –б. 142 – 147 нест.
2. Л –Яке рӯз Судобаи пурнигор; И –Судобаи зарнигор.
3. ИЛ –б. 158 нест.

www.sattor.com

Чу Судоба[1] рӯи Сиёвуш бидид,
Пурандеша гашту дилаш бардамид.

Чунон шуд, ки гуфтӣ тарози нах аст,
Ва ё*[2] пеши оташ ниҳода ях аст.

Касеро фиристод наздики ӯй,
Ки пинҳон Сиёвахшро рав,[3] бигӯй,

Ки «Андар шабистони шоҳи ҷаҳон
Набошад шигифт, ар шавӣ ногаҳон».[4]

Фиристода рафту бидодаш паём,*[5]
Барошуфт аз он кор он некном.[6]*[7]

Бад-ӯ гуфт: «Марди шабистон наям,
Маҷӯям, ки бо банду дастон наям».

Дигар рӯз шабгир Судоба рафт,
Бари шоҳи Эрон хиромид тафт.

Бад-ӯ гуфт, к - «Эй шаҳрёри сипоҳ,
Ки чун ту надидаст хуршеду моҳ,

На андар замин кас чу фарзанди ту,
Ҷаҳон шод бодо ба пайванди ту!

Фиристаш ба сӯи шабистони хеш,
Бари хоҳарону фағистони хеш.

Бигӯяш, ки андар шабистон бирав
Бари хоҳарон ҳар*[8] замон нав ба нав.

Ҳама рӯйпӯшидагонро ба меҳр
Пур аз хун дил асту пур аз об чеҳр.

1. ИЛ –Ба ногоҳ.
2. М –гар.
3. Л –Сиёвушро ин; И –ин.
4. И –меҳмон.
5. М –паёмаш бидод.
6. ИЛ –б. 163 нест.
7. М –некзод.
8. М –хоҳаронат.

www.sattor.com

Намозаш барему нисор оварем,
Дарахти парастиш ба бор оварем».

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Ин сухан дарх(в)ар аст,
Бар ӯ мар[1] туро меҳри сад модар аст».

Сипаҳбад Сиёвахшро ҳонду гуфт,
Ки «Хуни[2] рагу меҳр натвон нуҳуфт.

Туро покяздон чунон офарид,
Ки меҳр оварад бар ту ҳар, к-ат бидид.

Туро дод Яздон ба покӣ нажод,
Касе пок чун ту зи модар назод.[3]

Бавижа, ки пайвастаи хун бувад,
Чу аз дур бинад туро, чун бувад.

Паси пардаи ман туро хоҳар аст,
Чу Судоба худ меҳрбон модар аст,

Паси парда пӯшидагонро бибин,
Замоне бимон, то кунанд офарин.

Сиёвуш чу бишнид гуфтори шоҳ,
Ҳаме кард хира бад-ӯ бар нигоҳ.[4]

Замоне ҳаме бо дил андеша кард,
Бикӯшид, то дил бишӯяд зи гард.

Гумоне чунон бурд, к-ӯро падар
Пижӯҳад ҳаме, то чӣ[5] дорад ба сар,

Ки бисёрдон буду чиразабон
Ҳушивору бинодилу бадгумон.

1. Л –бар.
2. ИЛ –хуну.
3. ИЛ –б. 175 нест.
4. Л –бар хира дар вай нигоҳ.
5. Л –тоҷ.

www.sattor.com

Бупечиду бо хештан роз кард,
Аз анҷом оҳанги оғоз кард,*[1]

Ки гар ман шавам дар шабистони ӯй,
Зи Судоба ёбам басе гуфтугӯй.

Чунин дод посух Сиёвуш, ки «Шоҳ
Маро дод фармону тахту кулоҳ.

Аз он ҷойгаҳ, к-офтоби баланд
Барояд, кунад хокро арҷманд,

Чу ту шоҳ нанҳода бар сар кулоҳ,
Ба хубиву дониш, ба оину роҳ.

Маро роҳ бинмо сӯи бихрадон,
Бузургону корозмуда радон.

Дигар найзаву гурзу тиру камон,
Ба печидан андар сафи бадгумон.

Дигар тахти шоҳию оини[2] бор,
Дигар базми руду маю майгусор.

Чӣ омӯзам андар шабистони моҳ?
Ба дониш занон кай намоянд роҳ?

Гар[3] эдун, ки фармони шоҳ ин бувад,
Аз он пас маро рафтан*[4] оин бувад».

Бад-ӯ гуфт шоҳ: Эй писар, шод бош,
Ҳамеша хирадро ту бунёд бош.

Сухан кам шунидам бад-ин некувӣ,
Физояд ҳаме мағз, к-ин бишнавӣ.

1. М – Ҳаме гуфт бо хештан ин бад аст,
Зи Судоба ин гуфтугӯ омадаст.
2. Л –оину.
3. ИЛ –В-ар.
4. М – Маро пеши ӯ рафтан.

www.sattor.com

Мадор эч андешаи бад ба дил,
Ҳаме шодӣ орою ғам баргусил.

Бубин ту ҳаме[1] кӯдаконро яке,
Магар шодмона шаванд андаке».

Сиёвуш чунин гуфт, к-«Аз бомдод
Биёям, кунам ҳар чӣ шаҳ кард ёд.

Ман инак ба пеши ту истодаам,
Дилу ҷон ба фармони ту додаам.

Бар он сон равам, к-ам ту фармони диҳӣ,
Ту шоҳи ҷаҳондорию ман раҳӣ».[2]

ОМАДАНИ СИЁВУШ БА НАЗДИ СУДОБА

Яке мард буд, номи ӯ Ҳирбад,
Зидуда дилу мағзу ҷонаш зи бад,

Ки бутхонаро ҳеч нагзоштӣ,
Калиди дари парда ӯ доштӣ.

Сипаҳдори Эрон ба фарзона гуфт,
Ки «Чун баркашад ҳур теғ аз нуҳуфт,

Ту пеши Сиёвуш ҳаме рав ба ҳуш,
Нигар, то чи фармояд, онро бикӯш.

Ба Судоба фармой, то пеши ӯй
Нисор оварад гавҳару мушкбӯй.

Парастандагон низ бо хоҳарон
Забарҷад фишонанд бо заъфарон».

Чу хуршед барзад сар аз кӯҳсор,
Сиёвуш биёмад бари шаҳрёр.

Бар ӯ офарин карду бурдаш намоз,
Сухан гуфт бо ӯ сипаҳбад ба роз.

1. И –Ба парда бубин.
2. ИЛ –б. 198, 199 нест.

www.sattor.com

Чу пардахта шуд, Ҳирбадро бихонд,
Суханҳои шоиста[1] чанде биронд.

Сиёвахшро[2] гуфт: «Бо ӯ бирав
Биёрой дилро[3] ба дидори нав».

Бирафтанд як ҷой ҳарду ба ҳам,
Равон шодмону тиҳӣ дил зи ғам.

Чу бардошт парда зи дар Ҳирбад
Сиёвуш ҳаме буд тарсон зи бад.

Шабистон ҳама пеш боз омаданд,
Ба дидори ӯ*[4] базмсоз омаданд.

Ҳама хона буд аз карон то карон
Пур аз мушку динору пурзаъфарон.

Дирам зери пояш ҳаме рехтанд,
Чу бо зарру гавҳар*[5] бароме хтанд.

Замин буд дар зери дебои Чин,
Пур аз дурри хушшоб рӯи замин.

Маю бӯю овози ромишгарон
Ҳама бар сарон афсар аз гавҳарон.

Шабистон биҳиште буд ороста,
Пур аз хубрӯёни пурхоста.

Сиёвуш чу андар шабистон*[6] расид,
Яке тахти заррини рахшанда дид.

Бар ӯ-бар зи пирӯза карда нигор,
Ба дебо биёроста шоҳвор.

---

1. ИЛ –боиста.
2. Л –Сиёвушро.
3. Л –дилҳо.
4. М –Пур аз шодию.
5. М –Ақиқу забарчад.
6. М –наздики айвон.

www.sattor.com

Бад-он тахт Судобаи[1] моҳрӯй,
Ба сони биҳиште пур аз рангу бӯй.

Нишаста чу тобон Суҳайли Яман,
Сари ҷаъди зулфаш шикан бар шикан.

Яке тоҷ бар сар ниҳода баланд,
Фурӯ ҳишта то пой мушкин каманд,

Парастор наълайни заррин ба даст,
Ба пой истода, сар афканда паст.

Сиёвуш чу аз пеши парда бирафт.
Фуруд омад аз тахт Судоба[2] тафт.

Биёмад хиромону бурдаш намоз,
Ба бар-дар гирифташ замоне дароз.

Ҳаме чашму рӯяш бибусид дер,
Наёмад зи дидори он шоҳ[3] сер.

Ҳаме гуфт сад раҳ зи Яздон сипос,
Ниёиш кунам рӯзу шаб ҳар[4] се пос,

Ки касро ба сони ту фарзанд нест,
Ҳамон шоҳро низ пайванд нест».

Сиёвуш бидонист, к-он меҳр чист,
Чунон дӯстӣ н-аз раҳи эзадист.

Ба наздики хоҳар хиромид зуд,
Ки он ҷойгаҳ кор нософ буд.

Бар ӯ хоҳарон офарин хонданд,
Ба курсии заррин-ш биншонданд.

Чу бо хоҳарон буд замоне дароз,
Хиромиду омад бари[5] тахт боз.

---

1. И –Судоваи.
2. И –Судова.
3. И –ёр.
4. И –дар шаб.
5. Л –сӯи.

www.sattor.com

Шабистон ҳама пур шуд аз гуфтугӯй,
Ки инат[1] сару тоҷи фарҳангҷӯй.[2]

Ту гуфтӣ ба мардум намонад ҳаме
Равонаш хирад барфишонад ҳаме.

Сиёвуш ба пеши падар шуд, бигуфт,
Ки «Дидем пардасарою нуҳуфт.

Ҳама некӯӣ дар ҷаҳон бахри туст,
Зи Яздон баҳона набояд-т ҷуст.

Зи Ҷамму Фаридуну Ҳушангшоҳ
Фузунӣ ба шамшеру ганҷу сипоҳ».

Зи гуфтори ӯ шод шуд шаҳрёр,
Биёрост айвон чу хуррам*[3] баҳор.

Маю барбату соз барсохтанд,
Дил аз буданиҳо бипардохтанд.

Чу шаб гашт пайдову шуд рӯз тор,
Шуд андар шабистон каи номдор.

Пижӯҳида Судобаро шоҳ гуфт,
Ки «Ин розат аз ман набояд нуҳуфт.

Зи фарҳангу рои Сиёвуш бигӯй,
Зи болову дидору гуфтори ӯй.

Писанди ту омад? Хирадманд ҳаст?
Аз овоз беҳ, гар зи дидан беҳ аст?»

Бад-ӯ гуфт Судоба: «Ҳамтои шоҳ
Надиданд бар гоҳ шоҳу сипоҳ.[4]

Чу фарзанди ту кист андар ҷаҳон,
Чаро гуфт бояд сухан дар ниҳон?»

1. Л –омад.
2. И –тоҷу фарҳангу рӯй.
3. М –боғи.
4. Л –хуршеду моҳ.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Ар ба мардӣ расад,
Набояд, ки бинад варо чашми бад».

Бад-ӯ гуфт Судоба:[1] «Гар гуфти ман
Пазирад шавад рои ӯ[2] ҷуфти ман,

Ки аз тухми хешаш яке зан диҳам,
На аз номдорони барзан диҳам,

Ки фарзанд орад[3] варо дар ҷаҳон
Ба дидори ӯ дар миёни меҳон.[4]

Маро духтаронанд монанди ту,
Зи тухми туву покпайванди ту.

Ҳам аз тухми Кайорашу Кайпашин
Биҳоҳад ба шодӣ, кунад офарин».

Бад-ӯ гуфт, к-«Ин худ ба коми ман аст,
Бузургӣ ба фарҷому номи ман аст».

Сиёвуш ба шабгир шуд назди шоҳ,
Ҳаме офарин хонд бар тоҷу гоҳ.

Падар бо писар роз гуфтан гирифт
Зи бегона мардум нуҳуфтан гирифт.

Бад-ӯ гуфт, к-«Аз кирдгори ҷаҳон[5]
Яке орзу дорам андар ниҳон,

Ки монад зи ту номи ту ёдгор,
Зи пушти ту[6] ояд яке шаҳрёр.

Чунон, к-аз ту ман гаштаам тозарӯй,
Ту дил баркушоӣ ба дидори ӯй.

---

1. И –Судова.
2. Л –ройро.
3. Л – дорад.
4. Л – Яке орзу дорам андар ниҳон.
5. Л –б. 250-255 нест.
6. Л –вай.

www.sattor.com

Чунин ёфтам ахтаратро нишон
Зи гуфти ситорашумар мӯбадон,

Ки аз пушти ту шаҳрёре бувад,
Ки андар ҷаҳон ёдгоре бувад.

Кунун аз бузургон зане баргузин,
Нигаҳ кун паси пардаи Кайпашин,

Ба хони Каёраш дигар[1] низ ҳаст,
Зи ҳар сӯ биёрою бикшой даст»

Бад-ӯ гуфт: «Ман шоҳро бандаам,
Ба фармону рояш сар афкандаам.

Ҳар он кас, ки ӯ баргузинад, равост,
Ҷаҳондор бар бандагон подшост.

Мабодо,[2] ки Судоба[3] ин бишнавад,
Дигаргуна гӯяд, бад-ин награвад.

Ба Судоба з-ин гуна гуфтор нест,
Маро дар шабистони ӯ кор нест.»

Зи гуфти Сиёвуш бихандид шоҳ,
Набуд огаҳ аз об дар зери коҳ.

«Гузини ту бояд, - бад-ӯ гуфт зан
Аз ӯ ҳеч м-андеш дар анҷуман.

Зи[4] гуфтори ӯ меҳрубонӣ бувад,
Ба ҷони ту-бар посбонӣ бувад».

Сиёвуш зи гуфтори ӯ шод шуд,
Ниҳонаш зи андеша озод шуд.

Ба шоҳи ҷаҳон-бар ситоиш гирифт,
Навон пеши тахташ ниёиш гирифт.

1. ИЛ –ҳамон.
2. ИЛМ –Набояд.
3. И –Судова.
4. ИЛМ –ки.

www.sattor.com

Ниҳонӣ зи Судобаи чорагар
Ҳаме буд печону хастаҷигар.

Бидонист, к-он низ гуфтори ӯст,
Ҳаме з-ӯ бидаррид бар тан-ш пӯст.

ОМАДАНИ СИЁВУШ БОРИ ДУВУМ БА ШАБИСТОН

Бар ин достон низ шаб даргузашт[1]
Сипеҳр аз бари хоки[2] тира бигашт.

Нишаст аз бари тахт Судоба[3] шод,
Зи ёқути сурх[4] афсаре барниҳод.

Ҳама духтаронро бари хеш хонд,
Биёрост,[5] бар тахти заррин нишонд.

Ба пешаш бутони навоин ба пой,
Ту гуфтӣ биҳишт аст коху сарой.

Чунин гуфт бо Ҳирбад моҳрӯй,
К- Аз эдар бирав, бо Сиёвуш бигӯй,

Ки бояд, ки ранҷа кунӣ пои хеш,
Намоӣ маро сарви[6] болои хеш.

Биёмад дамон Ҳирбад назди шоҳ,
Бад-ӯ дод пайғоми он некхоҳ.

Чу бишнид пайғом, хира бимонд,
Ҷаҳонофаринро фаровон бихонд.

Басе чора ҷусту надид андар он,
Ҳаме буд печону ларзон бар он.[7]

1. И –баргузашт.
2. Л –гӯӣ.
3. И –Судова.
4. ИЛ –ёқуту зар.
5. ИЛ –Биёросту.
6. Л –чеҳру; И –рӯю.
7. ИЛ –б. 279 -281 нест.

www.sattor.com

Хиромон биёмад Сиёвуш бараш,
Бидид он нишасту сару афсараш.

Фуруд омад аз тахту шуд пеши ӯй,
Ба гавҳар биёроста рӯю мӯй.

Сиёвуш абар тахти заррин нишаст,
Зи*[1] пешаш ба каш карда Судоба[1] даст.

Бутонро ба шоҳи навоин намуд,
Ки буданд чун гавҳари нобисуд.

Бад-ӯ гуфт: «Бингар бад- ин тахтгоҳ[2]
Парастанда чандин[3] ба зарринкулоҳ.

Ҳама норасида бутони Тароз
Ки бисриштошон Эзад аз шарму ноз.

Касе к-ат хуш ояд саропои ӯй,[4]
Нигаҳ кун ба дидору болои ӯй.»

Сиёвуш чу чашм андаке баргумошт.
Аз эшон яке чашм з-ӯ барнадошт.

Ҳаме ин бад-он, он бад-ин гуфт моҳ
Наёрад бад-ин шоҳ кардан нигоҳ.

Бирафтанд ҳар як сӯи тахти хеш,
Якояк шуморанда бар[5] бахти хеш.

Чу эшон бирафтанд, Судоба гуфт,
Ки «Чандин чӣ дорӣ сухан дар нуҳуфт?

Нагӯӣ маро, то муроди[6] ту чист,
Ки бар чеҳри ту фарри чеҳри парист.

1. И –Судова.
2. Л –тахту гоҳ.
3. И –чанде.
4. ИЛ –аз эшон, бигӯй.
5. Л –Ба мижгон шуморандаи.
6. ИЛ –нажоди.

www.sattor.com

Ҳар он кас, ки аз дур бинад туро,
Шавад беҳушу баргузинад туро.

Аз ин хубруён ба чашми хирад
Нигаҳ кун, ки бо ту кӣ андарх(в)арад».

Сиёвуш фурӯ монду посух надод,
Чунин омадаш бар дили пок ёд,

Ки ман бар дили*[1] пок шеван кунам,
Беҳ ояд, ки*[2] аз душманон зан кунам.

Шунидастам аз номвар меҳтарон
Ҳама достонҳои Ҳомоварон.

Ки ӯ[3] пеш бо шоҳи Эрон чӣ кард,
Зи гурдони Эрон баровард гард.

Пур аз банд Судоба,[4] к-ӯ духти ӯст,
Нахоҳад мар ин*[5] дударо мағзу пӯст.

Ба посух Сиёвахш накшод лаб,
Паричеҳра бардошт аз рӯ қасаб.[6]

Бад-ӯ гуфт: «Хуршед бо моҳи нав,
Гар эдун, ки бинад бари гоҳи нав,

Набошад шигифт, ар шавад моҳ хор,
Ту хуршед дорӣ худ андар канор.

Касе к-ӯ чу ман дид бар тахти оҷ,
Зи ёқуту пирӯза бар сар-ш тоҷ,

Набошад шигифт, ар ба ман нангарад,[7]
Касеро ба хубӣ ба кас нашмарад.

---

1. М –тани.
2. М –Агар хира.
3. ИЛМ –аз.
4. И –Судова.
5. М –ҳаме.
6. Л – Сиёвуш ба посух чу бикшод лаб,
Паричеҳраро омад аз вай аҷаб.
7. ИЛ –бингарад.

www.sattor.com

Гар эдун, ки бо ман[1] ту паймон кунӣ,
Напечиву андеша осон кунӣ,

Яке духтари норасида ба ҷой
Кунам чун парастор*[2] пешат ба пой.

Ба савганд паймон кун акнун яке,
Зи гуфтори ман сар напеч андаке.

Чу берун шавад з-ин ҷаҳон шаҳрёр,
Ту хоҳӣ будан з-ӯ маро ёдгор.

Намонӣ, ки ояд ба мо-бар[3] газанд,
Бидорӣ маро ҳамчу ҷон[4] арҷманд.

Ман инак ба пеши ту истодаам,
Тану ҷони ширин*[5] туро додаам.

Зи ман ҳар чӣ хоҳӣ, ҳама коми ту
Барорам, напечам сар аз доми ту.»

Сараш танг бигрифт, як бӯса дод,
Ҳамоно, ки аз шарм н-овард ёд.

Рухони Сиёвуш чи гул шуд зи шарм,
Биёрост мижгон ба[6] хуноби гарм.

Чунин гуфт бо дил, ки аз кори дев
Маро дур дород кайвонхидев.[7]

На ман бо падар бевафоӣ кунам,
На бо Аҳриман ошноӣ кунам.

Агар сард гӯям бар ин шӯхчашм,
Биҷӯшад дилаш, гарм гардад зи хашм,

1. ИЛМ –Агар бо ман акнун.
2. М –парастанда.
3. Л –бар ман бар ояд.
4. Л –ӯ.
5. М –равшан.
6. И –зи.
7. ИЛ –геҳонхидев.

www.sattor.com

Яке ҷодуӣ созад андар ниҳон,
Бад-ӯ бигравад шаҳрёри ҷаҳон.

Ҳамон беҳ, ки бо ӯ ба овози нарм
Сухан гӯяму дорамаш чарбу гарм.

Сиёвуш аз он пас ба Судоба гуфт,
Ки «Андар ҷаҳон мар туро нест[1] ҷуфт.

Намонӣ ба хубӣ магар[2] моҳро,
Нашоӣ касеро,[3] ба ҷуз шоҳро.

Кунун духтарат бас, ки бошад маро,
Набояд ҷуз ӯ кас, ки бошад маро.

Бар ин бошу бо шоҳи Эрон бигӯ,
Нигаҳ кун, ки посух чӣ ёбӣ аз ӯ.

Бихоҳам ман ӯрову паймон кунам,
Забонро ба наздат гаравгон кунам,

Ки то ӯ нагардад[4] ба болои ман,
Наояд[5] ба дигар касе рои ман.

Ва дигар, ки пурсидӣ аз чеҳри ман
Биёмехт[6] бо ҷони ту меҳри ман,

Маро офаринанда аз фарри хеш
Чунин офарид, эй нигорини пеш.

Ту ин роз макшову бо кас магӯй,
Маро ҷуз нуҳуфтан ҳамон*[7] нест рӯй.

Сари бонувониву ҳам меҳтарӣ,
Ман эдун гумонам, ки ту модарӣ».

1. ИЛ –худ туро кист.
2. ИЛ –магар нимаи.
3. ИЛ –ба гетӣ.
4. Л –бингардад.
5. Л –Наёбад.
6. Л –Баромехт.
7. М –сухан.

www.sattor.com

Чунин гуфту бархост аз пеши ӯй,
Пур аз меҳр ҷони бадандеши ӯй.[1]

Чу Ковуси кай дар шабистон расид,
Нигаҳ кард Судоба,[2] ӯро бидид.

Бари шоҳ шуд з-он сухан мужда дод,
Зи кори Сиёвуш ҳаме*[3] кард ёд,

Ки омад, нигаҳ кард айвон ҳама,
Бутони сияҳчашм кардам рама.

Чунон буд айвон зи бас хубчеҳр,
Ки гуфтӣ ҳаме борад аз моҳ меҳр.

Ҷуз аз духтари ман писандаш набуд,
Зи хубон касе арҷмандаш набуд.

Чунон шод шуд з-он сухан шаҳрёр,
Ки моҳ омадаш гуфтӣ андар канор.

Дари ганҷ букшоду чанде гуҳар,
Зи дебои зарбафту заррин камар,

Ҳам аз ёраву тоҷу ангуштарӣ,
Ҳамон тахту ҳам тавқи кундоварӣ,

Зи ҳар чиз ганҷе буд ороста
Ҷаҳоне*[4] саросар пур аз хоста,

Ба Судоба фармуд, к-Инро бидор
Зи баҳри Сиёвуш, чу ояд ба кор.

«Бар-ӯ деҳ бигӯяш, ки ин ҳаст хурд,
Дусад ганҷ чунин бибояд-т бурд».[5]

---

1. ИЛ –б. 330 нест.
2. И –Судова.
3. М –басе.
4. М –ҷаҳон буд.
5. ИЛ –б. 340, 341 нест.

www.sattor.com

Нигаҳ кард Судоба,[1] хира бимонд,
Ба андеша афсун фаровон бихонд,

Ки гар ӯ наёяд ба фармони ман,
Раво дорам, ар бигсилад ҷони ман.

Баду нек, ҳар чора, к-андар ҷаҳон
Кунанд ошкорову андар ниҳон,

Бисозам, гар ӯ сар бипечад зи ман,
Кунам з-ӯ фиғон бар сари анҷуман.

РАФТАНИ СИЁВУШ БОРИ СЕВУМ ДАР ШАБИСТОН

Нишаст аз бари тахт бо гӯшвор,
Ба сар барниҳод афсари зарнигор.[2]

Сиёвахшро[3] дар бари хеш хонд,
Зи ҳар гуна бо ӯ суханҳо биронд.

Бад-ӯ гуфт "Ганҷе биёрост шоҳ,
К-аз он сон надидаст кас тоҷу гоҳ.

Зи ҳар чиз чандон, ки андоза нест,
Агар барниҳӣ, пил бояд дувист.

Ба ту дод хоҳам[4] ҳаме духтарам,
Нигаҳ кун ба рӯю сару афсарам.

Баҳона чӣ дорӣ, ки аз меҳри ман
Бипечӣ зи болову аз чеҳри ман?

Ки то ман туро дидаам, мурдаам,
Хурӯшону ҷӯшону озурдаам.

Ҳаме рӯзи равшан набинам зи дард,
Бар онам, ки хуршед шуд лоҷвард.

1. И –Судова.
2. Л –пурнигор.
3. Л –Сиёвушро.
4. ИЛ –хоҳад.

www.sattor.com

Кунун ҳафт сол аст, то меҳри ман
Ҳаме хун чаконад абар[1] чеҳри ман.

Яке шод кун дар ниҳонӣ маро,
Бибахшой рӯзи ҷавонӣ маро.

Фузун з-он ки додат ҷаҳондор шоҳ,
Биёроямат тоҷу тахту кулоҳ.[2]

В-агар сар бипечӣ зи[3] фармони ман,
Наёяд дилат сӯи дармони[4] ман,[5]

Кунам бар ту-бар подшоҳӣ табоҳ,
Шавад тира бар чашми ту ҳуру моҳ».

Сиёвуш бад-ӯ гуфт, к-«Ин худ[6] мабод,
Ки аз баҳри дил ман диҳам[7] дин ба бод.

Чунин бо падар бевафоӣ кунам,
Зи мардиву дониш[8] ҷудоӣ кунам.

Ту бонуи шоҳиву хуршеди гоҳ
Сазад, к-аз ту н-ояд бад-ин сон гуноҳ».

Аз он тахт бархост бо хашму ҷанг,
Бад-ӯ андаровехт Судоба чанг.

Бад-ӯ гуфт: «Ман рози дил пеши ту
Бигуфтам, ниҳонӣ бадандеши ту.

Маро хира хоҳӣ, ки расво кунӣ,
Ба пеши хирадманд раъно кунӣ».

1. ИЛ –бад-ин.
2. И –бораву тоҷу гоҳ.
3. И –ту наёӣ ба.
4. Л –паймони.
5. И –Бипечӣ зи рою зи паймони ман.
6. ИЛМ –ҳаргиз.
7. И –сар.
8. И –Зи дину зи мардӣ.

www.sattor.com

ФИРЕБ ДОДАНИ СУДОБА КОВУСРО

Бизад дасту ҷома бидаррид пок,
Ба нохун ду рухро ҳаме кард чок.

Баромад хурӯш аз шабистони ӯй,
Фиғонаш зи айвон баромад ба кӯй.

Яке ғулғул аз коху айвон бихост,
Ту[1] гуфтӣ шаби растахез аст рост.

Ба гӯши сипаҳбад расид огаҳӣ,
Фуруд омад аз тахти шоҳаншаҳӣ.

Пурандеша аз тахти заррин бирафт,
Ба сӯи шабистон хиромид тафт.

Биёмад, чу Судобаро дид рӯй
Харошидаву кох пургуфтугӯй.

Зи ҳар кас бипурсиду шуд тангдил,
Надонист кирдори он сангдил.

Хурӯшид Судоба дар пеши ӯй,
Ҳаме рехт обу ҳаме канд мӯй.

Чунин[2] гуфт, к - «Омад Сиёвуш ба тахт,
Баророст чангу баровехт сахт,

Ки аз туст ҷону танам пур зи меҳр,
Чӣ парҳезӣ аз ман ту, эй хубчеҳр?

Ки ҷуз ту касеро нахоҳам зи бун.
Чунинат ҳаме ронд бояд сухун.

Бияндохт афсар зи мушкин сарам,
Чунин чок шуд ҷома андар барам».

Пурандеша шуд з-он сухан шаҳрёр,
Сухан кард ҳар гунае хостор.[3]

1. И –ки.
2. Л –Ҳаме.
3. И –б. 376,377 нест.

www.sattor.com

Ба дил гуфт, ар ин рост гӯяд ҳаме
В-аз ин гуна*[1] зиштӣ наҷӯяд ҳаме,

Сиёвахшро[2] сар бибояд бурид,
Бад-ин сон бувад банди бадро калид.

Хирадманд мардум чӣ гӯяд кунун,[3]
Хаи шарм аз ин достон гашт хун.[4]

Касоне ки андар шабистон буданд,
Ҳушивору меҳтарпарастон буданд,

Гусӣ карду бар гоҳ танҳо бимонд,
Сиёвушу[5] Судобаро пеш хонд.

Ба ҳушу хирад бо Сиёвуш гуфт,
Ки «Ин роз аз ман набояд ниҳуфт.

Накардӣ ту ин бад, ки ман кардаам,
Зи гуфтори беҳуда озурдаам.

Чаро хондам андар шабистон туро,
Кунун ғам маро, банду[6] дастон туро.

Ҳама ростӣ ҷӯю бинмой рӯй,
Сухан бар чӣ сон рафт, бо ман бигӯй».

Сиёвуш бигуфт, он куҷо рафта буд,
В-аз он, к-ӯ зи[7] Судоба[8] ошуфта буд,

Саросар суханҳо ҳама боз гуфт,
Суханҳо, ки рафта буд андар нуҳуфт.[9]

1. М –Азин рӯй.
2. Л –Сиёвушро.
3. И –ҳаме.
4. И –Пижӯҳанда чун боз ҷӯяд ҳаме.
5. ИЛ –Сиёвушу.
6. Л –макру.
7. ИЛ –дар ки.
8. И –Судова.
9. Л –б. 388 нест.

www.sattor.com

Чунин гуфт Судоба, к-«Ин нест рост,
Ки ӯ аз бутон ҷуз тани ман нахост.

Бигуфтам, ҳама ҳар чи шоҳи ҷаҳон
Бад-ӯ хост, дод ошкору ниҳон.

Зи фарзанду аз тоҷу аз хоста,
Зи динору аз ганҷи ороста.

Бигуфтам, ки чандин бар ин бар ниҳам,
Ҳама некуиҳо ба духтар диҳам.

Маро гуфт, бо хоста кор нест,
Ба духтар маро рои[1] дидор нест.

Туро боядам з-ин миён-гуфт-бас,
На ганҷам ба кор аст бе ту на кас.

Маро хост, к-орад ба коре ба чанг,
Ду даст андаровард чун санг танг.

Набурдам-ш[2] фармон, ҳама мӯи ман
Биканду харошида шуд рӯи ман.

Яке кӯдаке дорам андар ниҳон
Зи пушти ту, эй шаҳрёри ҷаҳон.

Зи бас ранҷи куштан-ш[3] наздик буд,
Ҷаҳон пеши ман тангу торик буд.»

Чунин гуфт бо хештан шаҳрёр,
Ки гуфтори ҳар ду наёяд ба кор.[4]

Ба ин кор-бар нест ҷои шитоб,
Ки танги дил орад хирадро ба тоб.[5]

Нигаҳ кард бояд бад-ин бар нахуст,
Гувоҳӣ диҳад дил,чу гардад дуруст.

1. ИЛ –роҳи.
2. И –Накардам-ш.
3. Л –бурдан-ш.
4. Л -б. 399 нест.
5. Л –равонро ба хоб.

www.sattor.com

Бубинам, к-аз ин ду гунаҳкор кист,
Ба бодафраҳи бад сазовор кист.

Бад -он боз ҷустан ҳаме чора ҷуст,
Бибӯид дасти Сиёвуш нахуст.

Бару бозуву сарви болои ӯй,[1]
Саросар бибӯид ҳар ҷои ӯй.[2]

Зи Судоба[3] бӯи маю мушки ноб
Ҳаме ёфт Ковус бӯи гулоб.

Надид аз Сиёвуш чунон низ*[4] бӯй,
Нишони бисудан надид[5] андар ӯй.

Ғамин[6] гашту Судобаро хор кард,
Дили хештанро пурозор кард

Ба дил гуфт, к-инро ба тан тез-тез
Бибояд кунун карданаш рез-рез.

Зи Ҳомоварон з-он пас андеша кард,
Ки бархезад ошӯбу ҷангу набард.[7]

Ва дигар бад-он гаҳ, ки дар банд буд,
Бари ӯ[8] на хешу на пайванд буд.

Парастор Судоба[9] буд рӯзу шаб,
Бипечид аз он дарду накшод лаб.

Се дигар, ки як дил пур аз меҳр дошт,
Бибоист аз ӯ ҳар бад андар гузошт.

1. Л –ҳам саропои ӯ.
2. Л-ҳама ҷои ӯ.
3. И –Судова.
4. М –аз он гуна.
5. Л –набуд.
6. ИЛМ –ғамӣ.
7. Л-Ки ошӯб хезад аз озору дард; И -Ки ошӯб хезад бар овози дард.
8. Л –Бар ӯ-бар.
9. И –Судова.

www.sattor.com

Чаҳорум, к-аз ӯ кӯдакон дошт хурд,
Ғами хурдро хурд натвон шумурд.

Сиёвуш аз ин кор буд бегуноҳ
Хирадмандии вай бидонист шоҳ.

Бад-ӯ гуфт, к-«Ин[1] худ маяндеш хеч
Ҳушивориву роҳи рафтан басеч.

Макун ёд аз ин низу бо кас магӯй,
Набояд, ки гирад сухан рангу бӯй.

ЧОРА СОХТАНИ СУДОБА ВА ЗАНИ ҶОДУ

Чу донист Судоба, к-ӯ гашт хор,
Наёвехт бо вай дили шаҳрёр,

Яке чора ҷуст андар он кори зишт,
Зи кина ба наввӣ дарахте бикишт.

Зане буд бо ӯ ба парда-дарун,
Пур аз чораву рангу[2] банду фусун.[3]

Гарон буду андар шикам бачча дошт,
Ҳаме аз гаронӣ ба сахтӣ гузошт.

Бад-ӯ роз бикшоду з-ӯ чора ҷуст,
К-аз оғоз паймон-т хоҳам дуруст.

Чу паймон ситад, зар-ш бисёр дод
Сухан, - гуфт,- аз ин дар макун ҳеч ёд.

Яке доварӣ[4] соз, к-ин бифканӣ,
Тиҳӣ мониву[5] рози ман нашканӣ.

Магар, к-ин чунин банд[6] чандин дурӯғ
Бад-ин баччаи ту бигирад фурӯғ.

1. Л – аз ин.
2. Л – ҷодӯӣ буду.
3. И – ҷодӯӣ будаву бад фусун
4. ИЛ – доруе.
5. Л – ба ман созиву.
6. И – Нигар, к-он чунин банду; Л – банду.

www.sattor.com

Ба Ковус гӯям, ки ин аз ман аст,
Чунин кушта бар дасти Аҳриман аст.

Магар, к-ин шавад бар Сиёвуш дуруст,
Кунун чораи ин бибояд-т ҷуст.

Гар ин нашнавӣ, оби ман назди шоҳ
Шавад тираву дур монам зи гоҳ.»

Бад-ӯ гуфт зан: «Ман туро бандаам,
Ба фармону роят сарафкандаам.»

Чу шаб тира шуд, доруе хӯрд зан,
Бияфтояд[1] аз ӯ баччаи Аҳриман.

Ду бачча чунон, чун бувад девзод,
Чи бошад худ аз деви[2]*[3] ҷодунажод.

Яке ташти заррин биёвард пеш,
Бигуфт *[4] ин сухан бо парастори хеш.

Ниҳод андар ӯ баччаи Аҳриман
Хурӯшиду бифканд бар ҷома тан.

Ниҳон кард занрову[5] ӯ худ бихуфт,
Фиғонаш баромад ба кох[6] аз нуҳуфт.

Дар*[7] айвон парастор чандон, ки буд,
Ҳама назди[8]*[9] Судоба[10] рафтанд зуд.

Ду кӯдак бididанд мурда ба ташт,
Аз айвону*[11] кайвон фиғон баргузашт.

1. Л – Ки бифтод; И – Ки афтод.
2. Л – Чигуна бувад бачча.
3. М – чу дорад зи.
4. М – Нагуфт.
5. И – онрову.
6. Л – кӯй.
7. М – Ба.
8. Л – Ба наздики.
9. М – Ба наздики.
10. И – Судова.
11. М – айвон ба.

www.sattor.com

Чу бишнид Ковус аз айвон хурӯш,
Биларзиду бикшод аз хоб гӯш[1].

Бипурсиду гуфтанд бо шаҳрёр,
Ки чун рафт бар хубрух рӯзгор.

Ғамин[2] гашту он шаб назад ҳеч дам,
Ба шабгир бархост, омад дижам.

Бад - он гуна Судобаро хуфта дид,
Саросар шабистон барошуфта[3] дид.

Ду кӯдак бар он гуна бар ташти зар
Ниҳода*[4] ба хориву хаста ҷигар.

Биборид Судоба аз дида об,
Ҳаме гуфт*[5]:[6] «Равшан бибин офтоб.

Ҳаме гуфтамат, к-ӯ чӣ кард аз бадӣ,
Ба гуфтори ӯ хира эмин шудӣ.

Дили Шоҳ Ковус шуд бадгумон
Бирафту дар андеша шуд як замон.

Ҳаме гуфт, к-инро чӣ дармон кунам.
Нашояд, ки ин бар дил осон кунам.

ПУРСИДАНИ КОВУС КОРИ БАЧЧАГОНРО

Аз он пас нигаҳ кард Ковусшоҳ
Касеро, ки кардӣ ба ахтар нигоҳ,

Биҷусту зи Эрон бари хеш хонд,
Бипурсиду бар тахти заррин нишонд.

1. ИЛ – Биларзид дар хобу бикшод гӯш.
2. Л – Ғами.
3. Л-пурошуфта.
4. М – фиканда.
5. М – Бад – ӯ.
6. ИЛ – Бад ӯ гуфт.

www.sattor.com

Зи Судобаву[1] разми Ҳомоварон
Сухан рафт[2] ҳар гуна бо меҳтарон.

Бад-он то шаванд огаҳ аз кори ӯй,
Ба дониш бидонанд кирдори ӯй.

В-аз он кӯдакон низ бисёр гуфт,
Ҳаме дошт пӯшида андар[3]*[4] нуҳуфт.[5]

Ҳама зиҷу суллоб бардоштанд.
Бад - он кор як ҳафта бигзоштанд.

Саранҷом гуфтанд, к-ин кай бувад,
Ба ҷоме, ки захр оганӣ, май бувад?

Ду кӯдак зи пушти касе[6] дигаранд,
На аз пушти шоҳанду з-ин[7] модаранд.

Гар аз гавҳари шаҳрёрон будӣ,
Аз ин зиҷҳо ҷустан осон будӣ,[8]

На пайдост розаш дар ин осмон
На андар замин ин шигифтӣ, бидон.

Нишони бадандеш, нопокзан
Бигуфтанд бо шоҳу бо[9] анҷуман.[10]

Бинолид Судобаву[11] дод хост,
Зи шоҳи ҷаҳондор фарёд хост.

1. И – Судова.
2. Ил – гуфт.
3. Л – Нуҳуфта бурун оваранд аз.
4. М – суханро бурун оварид аз.
5. ТПИЛ – Бад-ин кор бигзашт як ҳафта низ,
Ҷаҳонро пур омад зи ҷоду қафиз.
6. ИМ – яке.
7. Л – шоҳу аз ин.
8. И – б. 453 нест.
9. И – шоҳ дар.
10. ТПЗИЛ – Ниҳон дошт Ковусу бо кас нагуфт,
Ҳаме дошт ин розҳо дар нуҳуфт.
11. И – Судова.

www.sattor.com

Ҳаме гуфт: «Ҳамдостонам зи шоҳ
Ба захму ба афкандан аз тахтгоҳ.[1]

Зи фарзанди кушта[2] бипечад дилам,
Замон то замон ҷон[3] зи тан бугсилам».[4]

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй зан, ором гир!
Чи гӯӣ суханҳои нодилпазир?»[5]*[6]

Ҳама рӯзбонони даргоҳ шоҳ
Бифармуд, то баргирифтанд роҳ.

Ҳама шаҳру барзан ба пой оваранд,
Зани бадкунишро ба ҷой оваранд.

Ба наздикӣ- андар нишон ёфтанд,
Ҷаҳондидагон тез биштофанд.

Кашиданд бадбахт занро ба роҳ,
Ба хорӣ бибурданд наздики шоҳ.

Ба хубӣ[7] бипурсиду кардаш умед,
Басе рӯзҳо низ додаш[8] навид.[9]

Нашуд ҳеч хусту бад-он достон[10]
Набуд[11] шоҳи пурмоя[12] ҳамдостон.

---

1. Л – Ба захму фитодан ҳам аз тахту гоҳ.
2. ЛМ – фарзанд куштан.
3. Л – дил.
4. И – бори дил нагсилам.
5. Л – Ҳама корхоро ту фарҷом гир.
6. М – Ҳама мангар имрӯз, фарҷом гир.
7. ИЛМ – хушшӣ.
8. Л – додаш аз некуиҳо: И – рӯзро дод низаш.
9. ТПЗИЛ – Нагуфт он сухан пеши он шаҳрёр,
Ба ҳарчанд пурсид з-ӯ чанд бор.
В-аз он пас ба хорию чӯбу ба банд
Бипардахт аз ӯ шаҳрёри баланд.
10. ИЛ – На хушнуд шуд з-он шаҳи ростон.
11. Л – Нашуд.
12. И – Або он нашуд шоҳ.

www.sattor.com

Бифармуд, к-аз пеш берун баранд,
Басе чора созанду[1] афсун баранд.

Чу хусту наёяд, миёнаш ба ар
Бибурранд, ин аст оину фар.

Бибурданд занро зи даргоҳи шоҳ,
Зи шамшер гуфтанду аз дору чоҳ.

Чунин гуфт ҷоду*[2] ки «Ман бегуноҳ
Чи гӯям бад-ин номвар пешгоҳ?»[3]

Бигуфтанд бо шоҳ, к-ин зан чӣ гуфт,
Ҷаҳонофарин донад андар нуҳуфт.

Ба Судоба[4] фармуд, то рафт пеш,
Ситорашумар гуфт[5] гуфтори хеш,

Ки ин ҳар ду кӯдак зи ҷодузананд,
Падидору аз пушти Аҳриманананд.

Чунин посух овард Судоба[6] боз,
Ки «Наздики эшон ҷуз[7] ин аст роз.

Фурӯ басташон з-ин сухан дар нуҳуфт
Зи бими Сиёвуш наёранд гуфт.

Зи бими сипаҳбад гави пилтан
Биларзад ҳаме шер дар анҷуман,

Куҷо зӯр дорад, ба ҳаштод[8] пил
Бибандад, чу хоҳад раҳи рӯди Нил.

1. Л – ҷуянду.
2. М – дигар.
3. ТПЗ – Надорам аз ин кор ҳеч огаҳӣ
Сухан ҳар чи гӯям, бувад з-аблаҳӣ.
4. И – Судова.
5. Л – хонд.
6. И – Судова.
7. Л – мар.
8. Л – ҳафтод.

www.sattor.com

Ҳамон*[1] лашкари номвар сад ҳазор
Гурезанд аз ӯ дар сафи корзор.

Маро низ поёби ӯ чун бувад
Магар дида ҳамвора пурхун бувад.

Ҷуз он, к-ӯ бифармояд, ахтаршинос
Чӣ гӯяд сухан в-аз кӣ ҷӯяд сипос?

Туро худ ғами хурдфарзанд нест,
Маро ҳам фузун аз ту пайванд нест.

Сухан гар гирифтӣ чунин сарсарӣ,
Бад-он гетӣ афкандам ин доварӣ.»

Зи дида фузун з-он буборид об,
Ки бардорад аз рӯди Нил офтоб.

Сипаҳбад зи гуфтори ӯ шуд дижам,
Ҳаме зор бигрист бо ӯ ба ҳам.

Гусӣ кард Судобаро[2] хастадил,
Бар он кор бинҳод пайваста дил.

Чунин гуфт, к-андар ҷаҳон ин сухун
Пижӯҳем, то бар[3] чӣ ояд ба бун.

Зи паҳлӯ ҳама мӯбадонро бихонд
Зи Судоба чандин[4] суханҳо биронд.

Чунин гуфт мӯбад ба шоҳи ҷаҳон
Ки «Дарди сипаҳбад намонад ниҳон.

Чу хоҳӣ, ки пайдо кунӣ гуфтугӯй,
Бибояд задан сангро бар сабӯй,

Ки ҳарчанд фарзанд ҳаст арҷманд,
Дили шоҳ з-андеша ёбад газанд.

1. М – Ҳаме.
2. И –Судова.
3. ИЛ – то худ.
4. И –Судова чанде.

www.sattor.com

В-аз ин духтари шоҳи Ҳомоварон
Пурандеша гаштӣ ба дигар карон.

Зи ҳар ду сухан чун бар ин гуна гашт,
Бар оташ бибояд якеро гузашт.

Чунин аст фармони[1] чархи баланд,
Ки бар бегуноҳон наёяд газанд.»

Ҷаҳондор Судобаро пеш хонд,
Ҳаме бо Сиёвуш ба гуфтан нишонд.

Саранҷом гуфт: Эмин аз ҳардувон
Нагардад маро дил ба равшан равон,

Магар, к-оташи тез пайдо кунад,
Гунаҳкорро[2] зуд расво кунад.

Чунин посух овард Судоба пеш,
Ки «Ман рост гӯям ба гуфтори хеш.

Фиканда намудам ду кӯдак ба шоҳ
Аз ин бештар худ чӣ бошад[3], гуноҳ.

Сиёвахшро[4] кард бояд дуруст,
Ки ин бад бикарду табоҳӣ биҷуст

Ба пури ҷавон гуфт шоҳи замин,
Ки «Роят чӣ бинад кунун андар ин?»

Ба посух чунин гуфт бо шаҳрёр,
Ки «Дӯзах маро з-ин сухан гашт хор.

Агар кӯҳи оташ бувад, биспарам,
Аз ин нанг хорист, гар нагзарам».

---

1. ИЛ –савганди.
2. Л -Гунаҳкардаро
3. ИМ – К-аз ин бештар кас набинад; Л –кас набинад.
4. ИЛ – Сиёвушро.

www.sattor.com

ГУЗАШТАНИ СИЁВУШ БАР ОТАШ

Пурандеша шуд ҷони Ковуси кай[1]
Зи фарзанду Судобаи шумпай.[2]

Аз ин ду яке гар шавад нобакор,
Аз ин пас кӣ хонад маро шаҳрёр?

Чу фарзанду зан бошадам хуну мағз
Киро пеш берун шавад кори нағз?

Ҳамон беҳ, к-аз ин зишт андеша[3] дил
Бишӯям, кунам чораи дилгусил.

Чӣ гуфт он сипаҳдори некӯсухун,
Ки бо баддилӣ шаҳрёрӣ макун.

Ба дастур фармуд, то сорвон[4]
Ҳаюн орад аз дашт сад[5] корвон.

Ҳаюнон ба ҳезум кашидан шуданд,
Ҳама шаҳри Эрон ба дидан шуданд.

Ба сад корвон уштури сурхмӯй
Ҳаме ҳезум овард пархошҷӯй.

Ниҳоданд ҳезум ду кӯҳи*[6] баланд,
Шумораш гузар кард бар чуну чанд.

Ба дур аз ду фарсанг ҳар кас бидид,
Чунин ҷуст бояд балоро*[7] калид.

Ҳаме хост дидан раҳи[8]*[9] ростӣ,
Ба кор - андарун кажживу костӣ.[10]

---

1. Л –Ковусшоҳ.
2. Л –некхоҳ.
3. И –зиштгуфтор; Л – кирдор.
4. Л –сорбон.
5. Л – чанд.
6. М –чу чархи.
7. М –Ҳаме гуфт к-ин аст бадро.
8. ИЛ –дари.
9. М –сари.
10. ИЛ – Зи кори зан ояд ҳама костӣ.

www.sattor.com

Чу ин достон сар ба сар бишнавӣ,
Беҳ ояд туро, гар ба зан награвӣ.[1]

Ба гетӣ ба ҷуз порсозан маҷӯй,
Зани бадкуниш хорӣ орад ба рӯй.[2]

Ниҳоданд бар дашт ҳезум ду кӯҳ
Ҷаҳоне назора шуда ҳамгурӯҳ.[3]

Гузар буд чандон, ки ҷангисавор[4]
Миёнаш ба тангӣ бикардӣ гузор.[5]

Пас он гоҳ фармуд пурмоя шоҳ,
Ки бар чӯб резанд нафти сиёҳ.

Биёмад дусад марди оташфурӯз
Дамиданд, гуфтӣ шаб омад ба рӯз.

Нахустан дамидан сияҳ шуд зи дуд,
Забона баромад паси дуд зуд.

Замин гашт равшантар аз осмон,
Ҷаҳоне хурӯшону оташ дамон.

Саросар ҳама дашт бирён шуданд,
Бад-он чеҳри хандон-ш гирён шуданд.

Сиёвуш биёмад ба пеши падар,
Яке хӯди заррин ниҳода ба сар.

Ҳушивор бо ҷомаҳои сапед,
Лаби[6] пур зи ханда, дили[7] пурумед.

---

1. ИЛ – Бад ояд* туро, гар ба зан бигравӣ.
   * И –нашояд.
2. ТПЗ – Зану аждаҳо ҳар ду дар хок беҳ,
   Ҷаҳон пок з-ин ҳар ду нопок беҳ!
3. ИМ – бар ӯ-бар гурӯҳ.
4. Л – гӯи савор.
5. Л –Миёна бирафтӣ ба тангӣ чаҳор; ИЛ –пас аз б. 516 ин б. омада
   Бад-он гаҳ ки савганди пурмоя шоҳ
   Чунин буд оину ин буд роҳ.
6. ИЛ – Лабе.
7. Л –рухе.

www.sattor.com

Яке борагӣ барнишаста сиёҳ,
Ҳаме гарди[1] наълаш баромад ба моҳ.

Пароканд[2] кофур бар хештан,
Чунон чун бувад созу расми кафан.[3]

Бад-он гаҳ ки шуд пеши Ковус боз,
Фуруд омад аз аспу бурдаш[4] намоз.

Рухи шоҳ Ковус пуршарм буд,[5]
Сухан гуфтанаш бо писар нарм буд.[6]

Сиёвуш бад-ӯ гуфт: «Андуҳ мадор,
К-аз ин сон бувад гардиши рӯзгор.

Сари[7] пур зи шарму табоҳӣ[8] марост,
Агар бегуноҳам, раҳоӣ марост.

В-ар эдун, ки з-ин кор ҳастам гуноҳ,
Ҷаҳонофаринам надорад нигоҳ.

Ба нерӯи Яздони некидиҳиш
Аз ин кӯҳи оташ наёбам табиш».

Сиёвуш чу омад ба оташ фароз,
Ҳаме гуфт бо довари бениёз:

«Маро деҳ аз ин кӯҳи оташ гузар,
Раҳо кун танамро зи банди падар!»

Чу з-ин гуна бисёр зорӣ намуд,
Сипаҳро барангехт бар сони дуд.[9]

---

1. Л –хоки.
2. Л –Пароканда.
3. ТПЗ – Ту гуфтӣ ба мину ҳаме чуст роҳ,
   На бар кӯҳи оташ ҳаме рафт шоҳ.
4. И –Пиёда шуду бурд пешаш.
5. –гашт; И –дид.
6. Л –гашт; И –дид.
7. ИЛ –саре.
8. Л –баҳоӣ.
9. ИЛ – б. 532 -534 нест.

www.sattor.com

Хурӯше баромад зи дашту зи шаҳр,
Ғам омад ҷаҳонро аз он кор баҳр.

Аз он[1] дашт Судоба[2] ово шунид,
Аз айвон ба бом омад,[3] оташ бидид.

Ҳаме хост, к-ӯро бад ояд ба рӯй,
Ҳаме буд ҷӯшону бо гуфтугӯй.

Ҷаҳоне ниҳода ба Ковус чашм
Забон пур зи гуфтору*[4] дил пур зи хашм.

Сиёвуш сипаҳро бад-он сон[5] битохт,
Ту гуфтӣ,*[6] ки аспаш ба[7] оташ бисохт.

Зи ҳар сӯ забона ҳаме баркашид,*[8]
Касе хӯду аспи Сиёвуш надид.

Яке дашт бо дидагон пур зи хун,
Ки то ӯ кай ояд зи оташ бурун.

Зи оташ бурун омад озодмард
Лабон пур зи ханда, ба рух ҳамчу вард.[9]

Чу ӯро бididанд, бархост ғав,
Ки омад зи оташ бурун шоҳи[10] нав.

Чунон омад аспу қабои савор,
Ки[11] гуфтӣ суман дошт андар канор.

1. ИЛ –Чу аз.
2. И –Судова.
3. ИЛ –Баромад ба айвону; И – Биёмад ба айвону.
4. М –дашному.
5. Л –ба тундӣ; И – Бар он кӯҳи оташ.
6. М –гӯй.
7. И –ба аспаш.
8. М –бардамид.
9. Л - б. 542 нест.
10. Л –сипаҳдори.
11. И –Ту.

www.sattor.com

Агар об будӣ, магар[1] тар шудӣ,
Ҳаме бар танаш[2] ҷома бебар шудӣ.

Чу бахшоиши покяздон бувад,
Дами отшу бод яксон бувад.

Чу з-он[3] кӯҳи оташ ба ҳомун гузашт,
Хурӯшидан омад зи шаҳру[4] зи дашт.

Саворони лашкар барангехтанд,
Ҳама дашт[5] пешаш дирам рехтанд,

Яке шодмонӣ буд андар ҷаҳон,
Миёни кеҳону миёни меҳон.

Ҳаме дод мужда якеро дигар,
Ки бахшуд бар бегунаҳ додгар.

Ҳамеканд Судоба[6] аз хашм мӯй,
Ҳамерехт обу ҳамехаст рӯй.

Чу пеши падар шуд Сиёвахш[7] пок,
На дуду на оташ, на гарду на хок,[8]

Фуруд омад аз асп Ковусшоҳ,
Пиёда сипаҳбад, пиёда сипоҳ.

Сиёвуш ба пеши ҷаҳондори пок
Биёмад, бимолид рухро ба хок,

Ки аз таффи[9] он кӯҳи оташ бираст,
Ҳама комаи душманон кард паст.

---

1. И –ҳаме.
2. ЛМ –зи таррӣ ҳама; И –зи таррӣ ҳаме.
3. ИЛ –аз.
4. Л –кӯҳу.
5. И –шаб ба.
6. И –Судова.
7. Л-Сиёвуш.
8. И –Биёмад, бимолид рухро ба хок; Л –на боду.
9. И – тафти.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй далери ҷаҳон,*[1]
Ки покизатухмиву равшанравон,

Чунонӣ, ки аз модари порсо
Бизояд, шавад бар ҷаҳон подшо.

Сиёвахшро[2] танг дар бар гирифт,
Зи кирдори бад пӯзиш андаргирифт,[3]

Ба айвон хиромиду биншаст шод,
Кулоҳи каёнӣ ба сар барниҳод.

Май оварду рамишгаронро бихонд,
Ҳама комҳо бо[4] Сиёвуш биронд.

Се рӯз андар он сур май даркашид,[5]
Набуд бар дари ганҷ банду калид.

БАХШИ ҶОНИ СУДОБА ХОСТАНИ СИЁВУШ АЗ ПАДАР

Чаҳорум ба тахти каӣ барнишаст,
Яке гурзаи говпайкар ба даст.

Барошуфту Судобаро[6] пеш хонд,
Гузашта суханҳо бад-ӯ боз ронд.

Ки «Бешармиву бад касе кардаӣ,
Фаровон дили ман биёзурдаӣ.

Чӣ бозӣ[7] намудӣ ба фарҷоми кор,
Ки бар ҷони фарзанди ман зинҳор

Бихӯрдиву дар оташ андохтӣ,
Бад-ин гуна-бар ҷодуӣ сохтӣ.

1. М – ҷаваон.
2. Л – Сиёвушро.
3. И – б. 558 нест.
4. Ил – бар.
5. Ил – баркашид.
6. И – Судоваро.
7. Ил – Яке бад.

www.sattor.com

Набояд туро пӯзиш акнун ба кор,
Бипардоз ҷою баророй кор.

Нашояд, ки бошӣ ту андар замин,
Ҷуз овехтан нест подоши ин.»

Бад-ӯ гуфт Судоба, к-«Эй шаҳрёр,
Ту оташ бар ин тораки ман мабор.[1]

Маро гар ҳаме[2] сар бубояд бурид,
Мукофот ин буд, ки бар ман расид.

Бифармову ман дил ниҳодам бар ин,
Нахоҳам, ки бошад дилат[3] пур зи кин.

Сиёвуш сухан рост гӯяд ҳаме,
Дили шоҳ з-оташ[4] бишӯяд ҳаме.

Ҳама ҷодуӣ зол кард[5] андар ин
Набуд оташи тез бо ӯ ба кин.»

Бад-ӯ гуфт: «Найранг созӣ[6] ҳанӯз
Нагардад ҳаме пушти шӯхит кӯз.»

Ба эрониён гуфт шоҳи ҷавон:
«Аз ин бад, ки ӯ[7] сохт андар ниҳон,

Чӣ созам? Чӣ бошад мукофоти ин?»
Ҳама шоҳро хонданд офарин,

Ки подоши ин он ки беҷон шавад,
Зи бад кардани хеш печон шавад.

Ба дижхим фармуд, к-«Инро ба кӯй
Зи дор андаровезу бартоб рӯй».

1. ИЛ – 569 нест.
2. ИЛ – бад-ӯ гуфт агар.
3. ИЛ – бошӣ диле.
4. Л – аз ғам.
5. Л – Ҳамон ҷодуи пок буд.
6. Л – дорӣ.
7. ИЛ – куҷо.

www.sattor.com

Чу Судобаро[1] рӯй баргоштанд,
Шабистон ҳама наъра бардоштанд.

Дили шоҳ Ковус пурдард шуд,
Ниҳон дошт, ранги рухаш зард шуд.[2]

Чу Судобаро хор бугзоштанд,
Ҳама анҷуман рӯй баргоштанд,[3]

Ҳаме гуфт бо дил, ки бар дасти шоҳ
Гар эдун, ки Судоба гардад табоҳ,

Ба фарҷоми кор ӯ пушаймон шавад,
Зи ман бинад ин ғам, чу печон шавад.

Сиёвуш чунин гуфт бо шаҳрёр,
Ки «Дилро бад-ин кор ранҷа*[4] мадор.

Ба ман бахш Судобаро з-ин гуноҳ,
Пазирад магар панду ояд ба роҳ.»

Баҳона ҳаме ҷуст з-он кор шоҳ
Бад-он, то бубахшад гузашта гуноҳ.

Сиёвахшро гуфт: «Бахшидамат[5]
Аз он пас, ки бар ростӣ дидамат.»[6]

Сиёвуш бибӯсид тахти[7] падар,
Аз он тахт бархост, омад бадар.

Биёвард Судобаро боз ҷой,
Ба фармони шаҳ бурдаш андар сарой.[8]

1. И – Судобаро.
2. Дар «И» ва «Л» баъд аз б.580 б.584, 585 омадааст, ки ба мақсад наздиктар менамояд.
3. ИЛ – б. 581 нест.
4. М – ғамгин.
5. ИЛ – бахшидамаш.
6. ИЛ – хун рехтан дидамаш.
7. Л – дасти.
8. ИЛ – б. 589 нест.

www.sattor.com

Шабистон ҳама пеши Судоба боз
Давиданду бурданд як-як[1] намоз.

Бар ин гуна бигзашт як рӯзгор,
Бар ӯ гармтар шуд дили шаҳрёр.

Чунон шуд дилаш боз дар[2] меҳри ӯй,
Ки дида набардошт аз чеҳри ӯй.

Дигарбора бо шаҳрёри ҷаҳон
Ҳаме[3] ҷодуӣ сохт андар ниҳон

Бад-он, то шавад бо Сиёвуш[4] бад,
Бад-он сон, ки аз гавҳари бад сазад.

Зи гуфтори ӯ шоҳ шуд бадгумон
Накард эч бар кас падид аз ниҳон.

Ба ҷое ки коре чунин уфтод,
Хирад бояду донишу дину дод.[5]

Чунон чун бувад мардуми тарскор
Барояд ба коми дили мард кор.

Ба ҷое ки заҳр оганад рӯзгор,
Аз ӯ нӯш хира макун хостор.

Ту бо офариниш писанда[6] наӣ,
Машав тез, чун парваранда наӣ.

Чунин аст кирдори гардонсипеҳр
Нахоҳад кушодан[7] ҳаме бар ту чеҳр.[8]

1. ИЛ – пешаш.
2. Л – пур.
3. И – яке.
4. Сиёвуш.
5. Л – род; И – дину дониш ба дод.
6. ИЛ – басанда.
7. И – кушудан.
8. Л – меҳр.

www.sattor.com

Яке*[1] достон зад бар*[2] ин раҳнамун,
Ки меҳре фузун нест аз меҳри хун.

Чу фарзанд шоиста омад падид,
Зи меҳри занон дил бибояд бурид.

Забон дигару дил-ш ҷои дигар,
Аз ӯ пой ёбӣ, ки ҷӯӣ ту сар.[3]

ОГОҲӢ ЁФТАНИ КОВУС АЗ ОМАДАНИ АФРОСИЁБ

Ба мехр[4]-андарун буд шоҳи ҷаҳон,
Ки бишнид гуфтори корогаҳон,

Ки Афросиёб омаду сад ҳазор
Гузида зи туркон шумурда савор.

Дили шоҳ Ковус аз он танг шуд,
Ки аз базм ҷояш сӯи ҷанг шуд.

Яке анҷуман кард з-эрониён -
Касеро ки буд некхоҳи каён.[5]

Бад-эшон чунин гуфт, к-«Афросиёб
Зи боду зи оташ, зи хоку зи об

Ҳамоно ки Яздон накардаш сиришт,
Магар худ сипеҳраш дигаргуна кишт,

Ки чандон ба савганд паймон кунад,
Забонро ба хубӣ[6] гаравгон кунад,

Чу гирд оварад мардуми ҷангҷӯй[7]
Битобад зи паймону савганд рӯй.

1. М – Бад-ин.
2. М – Яке.
3. ИЛ – б. 602 нест.
4. И – шаҳр.
5. Л – Касе к-ӯ будӣ некхоҳи мехон.
6. Л – ба хубӣ равонро.
7. Л – кинаҷуй.

www.sattor.com

Маро рафт бояд кунун[1] кинахоҳ,
Кунам рӯзи равшан бар ӯ-бар сиёҳ.

Магар гум кунам номи ӯ дар ҷаҳон
В-агарна чу тир аз камон ногаҳон

Сипаҳ созаду кори*[2] Эрон кунад,
Басе з-ин бару бум вайрон кунад.»

Бад-ӯ гуфт мӯбад «Чӣ бояд[3] сипоҳ,
Чу[4] худ рафт бояд ба овардгоҳ?

Чаро хоста дод бояд ба дод,
Дари ганҷ чандин чӣ бояд кушод?

Ду бор ин сари номвар гоҳи хеш
Супурдӣ ба тезӣ ба бадхоҳи хеш.

Кунун паҳлавони накӯ*[5] баргузин -
Сарафрози[6] ҷангу сазовори кин».

Чунин дод посух бад-эшон, ки «Ман
Набинам касеро аз ин[7] анҷуман,

Ки дорад паю тоби Афросиёб,
Маро рафт бояд чу киштӣ бар об.

Шумо боз гардед, то ман кунун
Ба ҷо оварам кор бо*[8] раҳнамун.»[9]

Сиёвуш аз он дил пурандеша кард,
Равонро аз андеша чун[10] беша кард.

---

1. ИЛ – Ҷуз аз ман набояд касе.
2. И – хоҳаду сози; Л – сози.
3. Л – ки чандин.
4. Л – ки.
5. М – Аз ин паҳлавонон яке.
6. Л – Сазовори.
7. Л – ҳаме кас бад-ин.
8. М – Бад-ин кор дилро.
9. И – Шумо бозгардед акнун ба бун,
Бипечам яке дил бар ин раҳнамун.
10. Л – пур.

www.sattor.com

Ба дил гуфт, Ман созам ин размгоҳ
Ба чарбӣ*[1] бигӯям, бихоҳам зи шоҳ.

Магар, к-ам раҳоӣ диҳад додгар
Зи Судобаву[2] гуфтугӯи падар.

Ва дигар, к-аз ин кор ном оварам,
Чунин лашкареро ба дом оварам.»

Бишуд бо камар пеши Ковусшоҳ,
Бад-ӯ гуфт: «Ман дорам ин пойгоҳ,

Ки бо шоҳи Турон биҷӯям набард,
Сари сарварон андарорам ба гард.»

Чунин буд рои ҷаҳонофарин,
Ки ӯ ҷон супорад ба Туронзамин.

Ба рою ба андешаи нобакор
Куҷо боз гардад бади рӯзгор,

Бад - ин кор ҳамдостон шуд падар,
Ки бандад бар ин кин Сиёвуш камар.

Аз ӯ шодмон гашту бинвохташ,
Ба наввӣ яке пойгаҳ сохташ.

Бад-ӯ гуфт «Ганҷу гуҳар пеши туст,
Ту гӯӣ сипаҳ сар ба сар пеши туст.[3]»

Гави пилтанро бари хеш хонд,
Басе достонҳои некӯ биронд.

Бад-ӯ гуфт: «Ҳамзӯри ту пил нест,
Ба монандаи дасти ту Нил нест.

1. М – хубӣ.
2. И – Судоваву.
3. ТПЗИЛ – Зи гуфтору кирдору аз офарин,
Ки хонданд бар ту зи Эронзамин*.

* Л – абар ту зи Туронзамин.

www.sattor.com

Зи гетӣ хунарманду хомуш туӣ,
Ки парвардгори Сиёвуш туӣ.

Чу оҳан бубандад ба кони гуҳар,
Кушода шавад, чун ту бастӣ камар.

Сиёвуш биёмад камар бар миён,
Сухан гуфт бо ман чу шери жиён.

Бихоҳад ҳаме ҷанги Афросиёб,
Ту бо ӯ бирав, рӯ аз ӯ барматоб.[1]

Чу бедор бошӣ ту, хоб оядам,
Чу ором гирӣ,*[2] шитоб оядам.

Ҷаҳон эмин аз тиру шамшери туст,
Сари моҳ бар чарх дар[3] зери туст.»

Таҳамтан бад-ӯ гуфт: «Ман бандаам,
Сухан ҳар чӣ гӯӣ, ниюшандаам.[4]

Сиёвуш чу чашму*[5] равони ман аст,
Сари тоҷи ӯ осмони ман аст.»

Чу бишнид аз ӯ, офарин карду гуфт,
Ки «Бо ҷони покат хирад бод ҷуфт!»

ЛАШКАР КАШИДАНИ СИЁВУШ

Баромад хурӯшидани бӯқу кӯс -
Биёмад сипаҳбад сарафроз[6] Тус.

Ба даргоҳ-бар анҷуман шуд сипоҳ,
Дари ганҷу динор бикшод шоҳ.

1. ТПЗ – Чӣ гӯӣ дар ин кор, некӯ бибин
Сиёвахш хоҳад ҳаме ҷуст кин.
2. М – ёби.
3. Л-бар.
4. Л – сарояндаам.
5. М – паноҳу.
6. И – сипаҳдор.

www.sattor.com

Зи шамшеру гурзу кулоҳу камар,
Ҳамон хӯду диръу синону сипар,

Ба ганҷе ки буд ҷомаи нобурид
Фиристод назди Сиёвуш калид,

Ки бар хону[1] бар хоста кадхудой[2]
Туӣ, соз кун, то чӣ ояд-т рой.

Гузин кард[3] аз он номдорон савор
Далерони ҷангӣ даҳу ду ҳазор.

Ҳам аз паҳлавӣ, порс, кучу балуҷ,[4]
Зи Гелони ҷангиву дашти Саруҷ.

Сипарвар пиёда даҳу ду ҳазор
Гузин кард шоҳ аз дари корзор.

Аз Эрон*[5] ҳар он кас, ки гавзода[6] буд,
Далеру хирадманду озода буд.

Ба болову соли Сиёвуш буданд,
Хирадманду бедору ҳомуш буданд.

Зи гурдони ҷангиву номоварон
Чу Баҳрому чун Зангаи Шоворон.

Ҳамон панҷ мӯбад аз эрониён
Барафрохта ахтари ковиён.

Бифармуд, то ҷумла берун шуданд,
Зи паҳлӯ сӯи дашту ҳомун шуданд.

Ту гуфтӣ, ки андар замин ҷой нест,
Ки бар хоки ӯ наълро пой нест.

1. Л – ҷону.
2. Л – раҳнамой.
3. И – кун.
4. Л – Ҳама паҳлави Порсу кӯҳи Балуҷ.
5. Л – омода.
6. М – эшон.

www.sattor.com

Сар андар сипеҳр[1] ахтари ковиён
Чу моҳи дурахшанда андар миён.

Зи паҳлӯ бурун рафт Ковусшоҳ,
Яке тез баргашт гирди сипоҳ.

Сипаҳ дид ороста чун арӯс
Ба пилони ҷангиву овои кӯс.[2]

Яке*[3] офарин кард пурмоя кай,
Ки «Эй номдорони фархундапай!

Мабодо ба ҷуз бахт ҳамроҳатон,
Шуда тира дидори бадхоҳатон!

Ба некахтару тандурустӣ шудан
Ба пирӯзиву шод боз омадан!»

В-аз он ҷойгаҳ*[4] кӯс бар пил баст,
Ба гурдон бифармуд, худ барнишаст.

Ду дида пур аз об Ковусшоҳ
Ҳаме буд[5] якрӯза бо ӯ ба роҳ.

Саранҷом мар якдигарро канор
Гирифтанд ҳар ду[6] чу абри баҳор,

Зи дида ҳаме хун фурӯ рехтанд,
Ба зорӣ хурӯше барангехтанд.

Гувоҳӣ ҳаме дод дил дар*[7] шудан,
Ки дидор аз ин пас нахоҳад будан.

Чунин аст кирдори гарданда даҳр,
Гаҳе нӯш бор оварад, гоҳ заҳр.

---

1. Л – Саросар сипаҳ.
2. ИЛ – б. 660 нест.
3. М – Басе.
4. М – Сипаҳдори нав.
5. Л – Ҳамерафт.
6. И – Гирифтан, гиристан.
7. М – бар.

www.sattor.com

Сӯи гоҳ бинҳод Ковус рӯй,
Сиёвахш бо лашкари ҷангҷуй.

Аз Эрон*[1] сӯи Зобулистон кашид,
Або пилтан сӯи Дастон кашид.

Ҳаме буд якчанд*[2] бо руду май
Ба наздики Дастони фархундапай.

Гаҳе бо Таҳамтан будӣ май ба даст,
Гаҳе бо Завора гузидӣ нишаст.

Гаҳе шод бар тахти Дастон будӣ,
Гаҳе дар шикори наистон будӣ.

Чу як моҳ бугзашт, лашкар биронд,
Гави пилтан рафту Дастон бимонд.

Зи Зобул, ҳам аз Кобулу ҳиндувон
Сипоҳе бирафтанд бо паҳлавон.

Зи ҳар сӯ, ки буд номвар меҳтаре,
Бихонду биёмад ба дашти*[3] Ҳарӣ.

Аз эшон пиёда фаровон бибурд,
Ба раҳ Зангаи Шоваронро супурд.

Сӯи Толиқон омаду Марврӯд,
Сипеҳраш ҳаме дод, гуфтӣ, дуруд.

В-аз он пас биёмад ба наздики Балх,
Наёзурд касро ба гуфтори талх.[4]

В-аз он сӯй Гарсевазу Бормон
Кашиданд лашкар чу боди дамон.

Сипаҳрам пасу Бормон пешрав,
Хабар шуд бад-эшон зи солори нав,

1. М – Сипаҳро.
2. М – Як моҳ.
3. М – шаҳри.
4. И – б. 680 нест.

www.sattor.com

Ки омад зи Эрон сипоҳе гарон[1]
Ҳама номдорону кундоварон.[2]

Наванде барафканд ҳангоми хоб
Сипаҳбад ба наздики Афросиёб,[3]

Ки омад диловар сипоҳе гарон[4]
Сипаҳбад Сиёвахшу бо вай[5] сарон.

Сипаҳкаш чу Рустам гави пилтан,
Ба як даст ханҷар, ба дигар кафан.

Гар эдун, ки фармон диҳад шаҳрёр,
Сипаҳ барнишонам, кунам корзор.[6]

Ту лашкар биёрою чандин[7] мапой,
Ки аз бод оташ[8] биҷубад зи ҷой.

Барангехт бар сони оташ ҳаюн,
К-аз он сон сухан дошт бо раҳнамун.[9]

Сиёвуш бад-он*[10] ҷойгаҳ ҳам намонд,
Сӯи Балх чун бод лашкар биронд.

Чу танг андаромад аз Эронсипоҳ,
Ба посух нашоист кардан нигоҳ.

Нигаҳ кард Гарсевази ҷангҷӯй,
Ҷуз аз ҷанг ҷустан надид эч рӯй.

---

1. ИЛМ – Ки омад сипоҳеву шоҳи ҷавон.
2. Л – Аз Эрон гави пилтан дар миён; И – Аз Эрон гави номвар паҳлавон.
3. ИЛМ – Ҳаюне ба наздики Афросиёб
   Барафканд бар сони киштӣ бар об.
4. ИЛ – сипоҳе зи Эрон.
5. ИЛ – ӯ.
6. ИЛ – б. 687 нест.
7. Л – чанде.
8. ЛМ – киштӣ.
9. ТПЗИ – Хабар чун ба наздики Турон расид,
   Мар он бандро сохта шуд калид.
10. М – дар он.

www.sattor.com

Чу Эронсипоҳ андаромад ба танг,
Ба дарвозаи Балх бархост[1] ҷанг.

Ду ҷанги гарон карда шуд дар се[2] рӯз,
Чаҳорум Сиёвахши[3] лашкарфурӯз[4]*[5]

696 Пиёда фиристод бар ҳар даре,
Ба Балх андаромад гарон лашкаре.

Гурезон Сипаҳрам аз он рӯи об,
Бишуд бо сипаҳ назди Афросиёб.

НОМАИ СИЁВУШ БА КОВУС

Сиёвуш чу дар Балх шуд бо сипоҳ,
Яке нома фармуд наздики шоҳ.

Навиштанд нома ба мушку абир,
Чунон чун сазовор буд бар ҳарир.

Нахуст офарин кард бар кирдгор,[6]
К-аз ӯяст[7] фирӯзу беҳ рӯзгор.[8]

700 Худованди хуршеду гарданда моҳ,
Фарозандаи*[9] тоҷу тахту кулоҳ.

Касеро ки хоҳад, барорад баланд,
Дигарро[10] кунад сӯгвору[11] нажанд.

Чаро на ба фармони ӯ-дар, на чун
Хирад кард бояд бад-ин раҳнамун.

---

1. ИЛ – барсохт.
2. Л – ду.
3. И – Шамосос.
4. Л – Биёмад Шамососи гетифурӯз.
5. М – гетифурӯз.
6. Л – додгар.
7. И –гашт.
8. Л – нерую фарру хунар.
9. М – фурӯзандаи.
10. И – Касеро.
11. Л – Якеро кунад сарфарозу.

www.sattor.com

Аз он додгар, к-ӯ ҷаҳон офарид,
Або ошкоро ниҳон офарид,

Ҳама*[1] офарин бод бар шаҳрёр,
Ҳама некуӣ бод фарҷоми кор!

Ба Балх омадам шоду пирӯзбахт
Ба фарри ҷаҳондори тоҷу тахт.[2]

Се рӯз андар он ҷанг шуд рӯзгор
Чаҳорум бубахшуд парвардгор.

Сипаҳрам ба Тирмид шуду Бормон
Ба кирдори новак биҷаст аз камон.

Кунун то ба Ҷайхун сипоҳи ман аст,
Ҷаҳон зери фарри[3] кулоҳи ман аст.

Ба Суғд аст бо лашкар Афросиёб,
Сипоҳу сипаҳбад ба ин рӯи об.

Гар эдун, ки фармон диҳад шаҳрёр,
Сипаҳ бугзаронам, кунам корзор.

ПОСУХИ НОМАИ СИЁВУШ АЗ КАЙКОВУС

Чу нома бари шоҳи Эрон расид,
Сари тоҷу тахташ ба кайвон расид.

Ба Яздон паноҳид, аз ӯ ҷуст бахт,
Бад-он то ба бор ояд он навдарахт.

Ба шодӣ яке нома посух навишт
Чу равшанбаҳору*[4] чу хуррамбиҳишт,

Ки аз офаринандаи хуру моҳ,
Ҷаҳондору бахшандаи тоҷу гоҳ

1. М – ҳаме.
2. И – пирӯзтахт.
3. Л – парри.
4. М – тозабаҳору.

www.sattor.com

Туро ҷовидон шодмон бод дил,
Зи дарду зи ғам гашта озод дил!

Ҳамеша ба пирӯзиву фарраҳӣ
Кулоҳи бузургиву тоҷи меҳӣ.[1]

Сипаҳ бурдиву ҷангро[2] хостӣ,
Ки будат сари бахту ҳам*[3] ростӣ.

Ҳаме аз лабат шир бӯяд ҳанӯз,
Ки зад бар камони ту аз ҷанг туз.

Ҳамеша ҳунарманд бодо танат,
Расида ба ком он дили равшанат!

Аз он пас, ки пирӯз гаштӣ ба ҷанг,
Ба кор-андарун кард бояд диранг.

Набояд пароканда кардан сипоҳ,
Бипаймой роҳу биёрой гоҳ,

Ки он турк бадпешаву риман аст,
Ки ҳам баднажод асту Аҳриман аст.

Ҳамон бокулоҳ асту бодастгоҳ,
Ҳам ӯ сар барорад ба хуршеду моҳ.

Макун ҳеч бар ҷанг ҷустан шитоб,
Ба ҷанги ту худ ояд Афросиёб.

Гар эдун, ки з-ин рӯи Ҷайҳун кашад,
Ҳаме[4] домани хеш дар хун кашад.

Ниҳод аз бари нома-бар мӯҳри хеш,
Ҳам он гаҳ фиристодаро хонд пеш.

1. Л – бузургӣ ба сар барниҳӣ.
2. ИЛ – ҷанг худ.
3. М – бахту ҳунар дориву.
4. Л- Ҳамон.

www.sattor.com

Бад-ӯ дод фармуд, то гашт боз,
Ҳаме тохт[1] андар нишебу фароз.

Фиристода назди Сиёвуш расид,
Чу он номаи шоҳи Эрон бидид,

Заминро бибӯсиду дил шод кард,*[2]
Зи банди ғамон пас дил озод кард.[3]*[4]

Нигаҳ дошт бедор фармони ӯ,[5]
Напечид дилро зи паймони ӯ.[6]

В-аз он пас чу Гарсевази шермард
Биёмад бари шоҳи Турон чу гард,

Бигуфт он суханҳои нопоки[7] талх,
Ки омад сипаҳбад Сиёвуш ба Балх.

Сипаҳкаш чу Рустам, сипаҳ бекарон,
Басе номдорону ҷанговарон.

Ба ҳар як зи мо буд панҷоҳ беш,
Сарафроз бо гурзаи говмеш.

Пиёда ба кирдори оташ буданд,
Сипардору бо тиру таркаш буданд.

Напаррид бар гирди эшон уқоб,
Якеро сар андарнаёмад ба хоб.

---

1. И – Ҳамегашт.
2. М – кард шод.
3. ИЛ – Ба нома-дарун номи шаҳ ёд кард:
   ТПЗ – Аз он номаи шоҳ дил кард шод,
   Ба нома дарун номи шаҳ кард ёд.
   Л – б. б. 729 ин б. омада:
   Аз он номаи шоҳ чун гашт шод,
   Бихандиду нома ба сар барниҳод.
4. М – Бихандиду нома ба сар барниҳод.
5. ЛИ – Нигаҳ дошташ ҳукму фармони ӯй.
6. ЛИ – ӯй
7. ИЛ – нопоку.

www.sattor.com

Се рӯзу се шаб буд ҳам з-ин нишон,
Ғамӣ шуд дил марду*[1] гарданкашон.

В-аз эшон касеро ки хоб омадӣ,
Зи ҷанги далерон шитоб омадӣ,

Бихуфтиву осуда бархостӣ,
Ба наввӣ яке ҷанг оростӣ,[2]

Барошуфт чун оташ Афросиёб,
Бупечид аз ҷои[3] орому хоб.

Ба Гарсеваз андар чунон бингарид,
Ки гуфтӣ[4] миёнаш бихоҳад бурид.

Яке бонг барзад, бирондаш зи пеш,
Тавоно набуд ӯ бар он[5] хасми хеш.

Бифармуд, к-аз номдорон ҳазор
Бихонанду аз базм созанд кор.

Саросар ҳама дашт озин ниҳанд,
Ба Суғд-андар ороиши Чин ниҳанд.

Бар эшон ба шодӣ гузар кард рӯз,
Чу аз чашм шуд чашми[6] гетифурӯз,

Ба хобу ба оромиш омад шитоб,
Биғалтид бар ҷома Афросиёб.[7]

ХОБ ДИДАНИ АФРОСИЁБ ВА ТАРСИДАН

Чу як баҳра бугзашт аз тирашаб
Чунон чун касе, к-он биларзад ба таб,[8]

1. М – тану аспи.
2. ИЛ – Зи нав боз ҷанге биёростӣ.
3. Ки чандин чӣ гӯӣ, зи; ИМ – Ки чанде чӣ гӯӣ зи.
4. И – гӯӣ.
5. Л – Куҷо хост рондан бар ӯ.
6. Л – дур.
7. ИЛ – ҷон орому хоб.
8. Л – роз гӯяд ба лаб. И – роз ҷӯяд ба лаб.

www.sattor.com

Хурӯше баромад зи Афросиёб,
Биларзид бар ҷои орому хоб.[1]

Парастандагон тез бархостанд,
Ба ҳар сӯ яке[2] ғул-ғул оростанд.

Чу омад ба Гарсеваз ин огаҳӣ,
Ки шуд тира оини*[3] шоҳаншаҳӣ,

Ба тезӣ биёмад ба наздики[4] шоҳ,
Варо дид хуфта бар он хоки роҳ.

Ба дар бар гирифташ, бипурсид аз ӯй,
Ки «Ин достон бо бародар бигӯй».

Чунин дод посух, ки «Пурсиш макун,
Магӯй ин замон эч[5] бо ман сухун.

Бад-он то хирад боз ёбам яке,
Ба бар гиру сахтам бигир андаке.»

Замоне баромад, чу омад ба ҳуш,
Ҷаҳон дид[6] бо нолаву бо хурӯш.

Ниҳоданд шамъу баромад ба тахт,
Ҳаме буд ларзон чу шохи[7] дарахт.

Бипурсид Гарсевази номҷӯй,
Ки «Букшой лаб, ин шигифтӣ бигӯй».

Чунон гуфт пурмоя[8] Афросиёб,
Ки "Ҳаргиз касе ин набинад ба хоб.

---

1. ТПЗ – Фиканд аз сари тахт худро ба хок,
Баромад зи ҷон-ш оташи саҳмнок.
2. Л – низ; И-ҷумла.
3. М – тира шуд он тахти.
4. ЛМ – хурӯшидану; И – Ҳаросон ҳама
5. ИЛ — андар ин вақт.
6. Л –дида.
7. ЛМ –ба сони.
8. Л –Ба посух чунин гуфт.

www.sattor.com

Чунон чун*[1] шаби тира ман дидаам,
Зи пиру ҷавон низ нашнидаам.

Биёбон пур аз мор[2] дидам ба хоб,
Замин[3] пур зи гард, осмон пуруқоб.

Замин хушк, шаххе,[4] ки гуфтӣ сипеҳр
Бад-он то ҷаҳон буд, нанмуд чеҳр.

Саропардаи ман зада бар карон,
Ба гирдаш сипоҳе зи кундоварон.

Яке бод бархостӣ пур зи гард,
Дурафши маро сар нагунсор кард.

Бирафтӣ зи ҳар сӯ яке рӯди хун,
Саропардаву хайма гаштӣ нагун.

В-аз ин лашкари ман фузун аз шумор[5]
Бурида сарону тан афканда хор.

Сипоҳе аз Эрон чу боди дамон,
Чи найза ба дасту чи тиру камон.

Ҳама найзаҳошон сар оварда бор,
В-аз он ҳар саворе саре дар канор.

Бари тахти ман тохтандӣ савор,
Сияҳпӯшу найзаварон сад ҳазор.

Барангехтандам[6] зи ҷои нишаст,
Ҳаме тохтандӣ маро[7] бастадаст.

Нигаҳ кардаме нек ҳар сӯ басе
Зи пайваста пешам набудӣ касе.

1. М –кучо дар.
2. ИЛ – гард.
3. ИЛ –Ҷаҳон.
4. Л – хушку шахе.
5. ИЛ – чу сесад ҳазор.
6. ИЛ – Барангехтандӣ.
7. ИЛ –Маро тохтандӣ ҳама.

www.sattor.com

Маро пеши Ковус бурдӣ дамон*[1]
Яке бодсар номвар паҳлавон.

Яке тахт будӣ, сараш назди моҳ,
Нишаста бар он гурд Ковусшоҳ.

Ҷавоне ду рухсора монанди моҳ
Нишаста будӣ назди*[2] Ковусшоҳ.

Ду ҳафта-ш набудӣ ҳаме[3] сол беш,
Чу дидӣ маро баста дар пеши хеш,

Дамидӣ ба кирдори ғурранда меғ,
Миёнам ба ду ним кардӣ[4] ба теғ.

Хурӯшидаме ман фаровон зи дард,
Маро нолаву дард бедор кард.»

Бад-ӯ гуфт Гарсеваз: «Ин хоби шоҳ
Набошад ба ҷуз[5] комаи некхоҳ.

Ҳаме коми дил бошаду тоҷу тахт,
Нагун гашта бар бадсиголи ту бахт.

Гузорандаи хоб бояд касе,
К-аз ин дониш андеша дорад[6] басе.

Бихонем бедордил мӯбадон
Зи ахтаршиносону аз бихрадон.»

ПУРСИДАНИ АФРОСИЁБ МӮБАДОНРО АЗ ХОБ

Касоне, к-аз ин дониш огаҳ буданд,
Пароканда ё бар дари шаҳ буданд,

1. М –давон.
2. М –ба наздикӣ.
3. Л –ҳафта набудӣ варо.; И –магар.
4. Л –нима карда.
5. И –ҷуз аз.
6. И –андоза орад; Л –орад.

www.sattor.com

Шуданд анҷуман бар дари шаҳрёр,
Бад-он то чаро кардашон хостор.

Бихонду сазовор биншонд пеш,
Сухан ронд бо ҳар як аз камму беш.

Чунин гуфт бо номвар мӯбадон,
Ба ахтаршиносону ҳам[1] бихрадон,

Ки*[2] «Ин хобу гуфтори[3] ман дар ҷаҳон
Касе нашнавад[4] ошкору ниҳон.

Якеро[5] намонам сару тан ба ҳам
Агар з-ин сухан бар лаб оранд дам».

Бубахшидашон бекарон зарру сим
Бад-он, то набошад касе з-ӯ ба бим.

В-аз он пас бигуфт, он чи дар хоб дид,
Чу мӯбад зи шоҳ он суханҳо шунид,

Битарсид в-аз шоҳ зинҳор хост,
Ки «Ин хоб гуфтан наёрем[6] рост.

Магар шоҳ бо банда паймон кунад,
Забонро ба посух гаравгон кунад,

К-аз ин дар сухан ҳар чи дорем ёд,
Кушоем бар шоҳу ёбем дод.»

Ба зинҳор додан забон дод шоҳ,
К-аз он бад аз эшон набинад гуноҳ.

Забоноваре буд бисёрмағз,
Ки ӯ баркушодӣ суханҳои нағз.

1. Л –Ки, эй покдил, некпай; И –некхӯ.
2. М –К-аз.
3. ИЛ –К-аз ин хобу гуфтор.
4. ИЛ –ЗИ кас нашнавам.
5. ИМ – Касеро.
6. –хобро кай тавон гуфт.

www.sattor.com

Чунин гуфт, к-«Эй подшоҳи ҷаҳон,
Кунам ошкоро ба ту-бар ниҳон.

Ба бедорӣ*[1] акнун сипоҳи гарон
Аз Эрон биёяд,*[2] диловар сарон.

Яке[3] шоҳзода ба пеш - андарун,
Ҷаҳондида бо ӯ басе раҳнамун,

Ки бар толиаш-бар касе нест шоҳ,
Кунад буму барро ба мо-бар табоҳ.

Агар бо Сиёвуш кунад шоҳ ҷанг,
Чу деба[4] шавад рӯи гетӣ ба ранг.

Зи туркон намонад касеро ба гоҳ,
Ғамӣ гардад аз ҷанги ӯ подшоҳ.

В-агар ӯ шавад кушта бар дасти шоҳ
Ба Турон намонад сару тахту гоҳ.[5]

Саросар пурошӯб гардад замин
Зи баҳри Сиёвуш ба ҷангу ба кин.

Бад-он гоҳ ёд оядат ростӣ,
Ки вайрон шавад кишвар аз костӣ.[6]

Ҷаҳондор гар мурғ гардад ба пар,
Бар*[7] ин чархи гардон наёбад гузар.

Бар ин сон гузар кард хоҳад сипеҳр
Гаҳе пур зи хашму гаҳе пур зи меҳр.»

Ғамӣ шуд, чу бишнид Афросиёб,
Накард эч[8] бар ҷанг ҷустан шитоб.

---

1. М –чунон дон, ки.
2. М –Биронанд аз Эрон.
3. И –Ҳаме.
4. Л –дуда.
5. И –б. 798-800 нест.
6. Л –Ки пайдо шавад кажживу костӣ.
7. М –Аз.
8. И –он чи.

www.sattor.com

Ба Гарсеваз[1] он розҳо баркушод,
Нуҳуфта суханҳо ҳаме кард*[2] ёд,

Ки гар ман ба ҷанги Сиёвуш сипоҳ[3]
Наронам, наёяд касе кинахоҳ.

На ӯ кушта ояд ба ҷангу на ман,
Баросояд аз шарру[4] шӯр[5] анҷуман.

На Ковус хоҳад зи ман низ кин
Нагардад пурошӯб яксар*[6] замин.[7]

Ба ҷои ҷаҳон ҷустану корзор
Мабодам ба ҷуз ооштӣ[8] ҳеч кор.

Фиристам ба наздики ӯ симу зар,
Ҳам аз тоҷу тахту фаровон гуҳар.

Манучеҳр гетӣ набахшид[9] рост,
Ҳамон[10] баҳраи хештан кам бихост.

Замине ки бахшида будам зи пеш,
Аз он низ кӯтаҳ кунам дасти хеш[11].

Магар, к-ин балоҳо зи ман бугзарад,
Ки тарсам равонам фурӯ пажмурад.

Чу чашми замона[12] бидӯзам ба ганҷ,
Сазад, гар сипеҳрам надорад ба ранҷ.

---

1. ИЛ –Гаршеваз.
2. М –бар ӯ кард.
3. И –Сиёвахшшоҳ.
4. И –ҷангу.
5. Мул Мул - М –На ошӯб гирад саросар.
6. ЛМ –аз гуфтугӯ.
7. Л –На ошӯб гардад саросар замин.
8. И –наёрам ҷуз аз ростӣ.
9. ИЛ –бибахшид.
10. Л –Ҳам ӯ.
11. ТПЗИ – Супорам ба Эрониён сар ба сар,
Набошад бар ин бум моро гузар.
12. И –баҳона.

www.sattor.com

Нахоҳам замона ҷуз он, к-ӯ биҳишт,[1]
Чунон руст бояд,[2] ки гардун[3] бикишт.

РОЙ ЗАДАНИ АФРОСИЁБ БО МЕҲТАРОН

Чу бугзашт ниме зи гардонсипеҳр,
Дурахшанда хуршед бинмуд чеҳр,

Бузургон ба даргоҳи шоҳ омаданд,
Парастандаву бокулоҳ омаданд.

Яке анҷуман сохт аз[4] бихрадон,
Ҳушивору корозмуда сарон.[5]*[6]

Бад-эшон чунин гуфт, к-«Аз рӯзгор
Набинам ҳаме бар ҷуз аз корзор.

Басе номдорон, ки бар дасти ман
Табаҳ шуд ба ҷанг-андарун анҷуман.

Басо шорсон гашт беморсон,
Басо гулситон низ шуд хорсон.

Басе роҳ,[7] к-он размгоҳи ман аст,
Ба ҳар сӯ нишони сипоҳи ман аст.

Зи бедодии подшоҳи[8] ҷаҳон
Ҳама некуиҳо шавад дар[9] ниҳон.

Назояд ба ҳангом дар дашт гӯр,
Шавад баччаи бозро дида кӯр.

Бибуррад зи пистони нахчир шир,
Шавад об дар чашмаи хеш қир.

1. ЛМ –навишт.
2. Л –Яздон.
3. И –хоҳад.
4. ИЛ –бо.
5. ИЛ –радон.
6. М –бедордил мӯбадон.
7. ИЛ –боғ.
8. ИЛМ, Ж – шаҳрёри.
9. И –шуд андар.

www.sattor.com

Шавад дар ҷаҳон чашмаи об хушк,
Надорад ба нофа-дарун бӯй мушк.

Зи кажжӣ гурезон шавад ростӣ,
Падид[1] ояд аз ҳар сӯе костӣ.

Маро сер шуд дил зи ҷангу бадӣ,
Ҳаме ҷуст хоҳам раҳи эзадӣ.

Кунун донишу дод боз оварем,
Ба ҷои ғаму ранҷ ноз[2] оварем.

Баросояд аз мо замоне ҷаҳон,
Набояд, ки марг ояд аз ногаҳон.

Ду баҳра ҷаҳон зери пои ман аст,
Ба[3] Эрону Турон сарои ман аст.

Нигаҳ кун, ки чандин зи кундоварон
Биёранд ҳар сол божи гарон.

Гар эдун, ки бошед ҳамдостон,
Ба Рустам фиристам яке достон.

Дари оштӣ бо Сиёвахш[4] низ
Бикӯбам,[5] фиристам зи ҳар гуна чиз.»

Сарон як ба як[6] посух оростанд,
Ҳама хубиву оштӣ хостанд,

Ки «Ту шаҳрёриву мо чун раҳӣ,
Бар он дил ниҳода, ки фармон диҳӣ.»

Ҳама боз гаштанд сар пур зи дод,
Наёмад касеро ғаму ранҷ ёд.

1. И – Ҳамон.
2. И –ранҷу оз.
3. И –дар.
4. Л –Сиёвуш.
5. ИЛ – Биҷӯям.
6. И –саросар ҳама.

www.sattor.com

Ба Гарсеваз[1] он гаҳ чунин гуфт шоҳ,
Ки «Бипсеч кору бупаймой роҳ.

Ба зудӣ бисозу ба раҳ-бар маист,
Зи лашкар гузин кун саворе дувист.

Ба назди Сиёвахш[2] бар[3] хоста,
Зи ҳар чиз ганҷе биёроста.

Зи аспони тозӣ ба зарринситом,
Зи шамшери ҳиндӣ ба зарринниём.

Яке тоҷи пургавҳари шоҳвор,
Зи густарданӣ сад шутурвор бор.

Ғулому канизак бубар ҳам дувист,
Бигӯяш, ки бо ту маро ҷанг нест.

Бипурсаш фаровону бо ӯ бигӯй,
Ки мо сӯи Эрон накардем рӯй.

Зи Чин то[4] лаби рӯди Ҷайҳун маро,
Ба Суғдему ин подшоҳӣ ҷудост.

Ҳамон аст, к-аз Туру Салми далер
Забар шуд ҷаҳон, он куҷо буд зер.

Зи Эраҷ, ки бар бегунаҳ кушта шуд,
Зи мағзи далерон хирад гашта шуд.

Зи Эрону Турон ҷудоӣ набуд,
Ки бо ҷангу кин ошноӣ набуд.

Зи Яздон бар он гуна дорам умед,
Ки овард рӯзи хирому[5] навид.

Барангехт аз шаҳри Эрон туро,
Кунад меҳрбон бар далерон туро.

---

1. ИЛ –гаршеваз.
2. ИЛ –Сиёвуш.
3. И –бар он.
4. ЛМ –Замин.
5. Л –аз ӯ рӯзи хуррам.

www.sattor.com

Ба бахти ту ором гирад ҷаҳон,
Шавад ҷангу нохубӣ андар ниҳон.

Чу Гарсеваз[1] ояд[2] ба наздики ту
Биёрояд он рои борики ту.

Чунон чун ба гоҳи Фаридуни гурд,
Ки гетӣ ба бахшиш ба гурдон[3] супурд,[4]

Бубахшему он рой[5] боз оварем,
Зи ҷангу зи кин пой боз оварем.

Ту шоҳиву бо шоҳи Эрон бигӯй,
Магар нарм гардад сари ҷангҷӯй.

Суханҳои некӯ або[6] пилтан
Бигӯву[7] басе достонҳо бизан.[8]

Ба наздики ӯ ҳамчунон хоста
Бубар, то шавад кор[9] ороста.

Ҷуз аз тахти заррин, ки ӯ шоҳ нест,
Тани паҳлавон аз дари гоҳ нест».

ОМАДАНИ ГАРСЕВАЗ НАЗДИ СИЁВУШ

Биёвард Гарсеваз он хоста,
Ки рӯи замин з-он шуд ороста.

Дамон то лаби рӯди Ҷайҳун расид,
Зи гурдон[10] фиристодае баргузид.

---

1. Ж - ИЛ –Чу Гарсеваз.
2. И –омад.
3. И –фаровон.
4. И –б. б. 854 ин. б. омада:
   Зи гурдон, ки Рустам бидонад ҳаме,
   Кучо номашон бар ту хонад ҳаме.
5. Л –ин.
6. ИЛ –Суханҳо ҳамегӯй бо.
7. ИЛ –Ба хубӣ.
8. ТПЗ - Бар ин ҳам нишон назди Рустам ғулом,
   Парастандаву аспи зарринситом.
9. Л –корат.
10. ИЛ –лашкар.

www.sattor.com

Бад-он то расонад ба шоҳ огаҳӣ,
Ки Гарсеваз[1] омад або фарраҳӣ.

Ба киштӣ ба як рӯз бугзошт об,
Биёмад сӯи Балх ҳам даршитоб.

Фиристода омад ба наздики шоҳ,
Бигуфташ, ки Гарсеваз омад зи роҳ.[2]

Сиёвуш гави пилтанро бихонд,
В-аз ин достон чанд гуна биронд.

Чу Гарсеваз[3] омад ба наздики[4] шоҳ,
Бифармуд, то баркушуданд роҳ.[5]

Сиёвуш варо диду бар пой хост,
Бихандид бисёру пӯзиш бихост.

Бибӯсид Гарсеваз аз дур хок,
Рухаш пур зи шарму дилаш пур зи бок.

Сиёвахш биншондаш[6] зери тахт,
Зи Афросиёбаш бипурсид сахт.

Чу биншаст Гарсевазу гоҳи нав
Бидиду сару афсару шоҳи[7] нав,

Ба Рустам чунин гуфт, к-«Афросиёб
Чу аз ту хабар ёфт, андар шитоб

Яке ёдгоре ба наздики шоҳ
Фиристода будаст бо ман ба роҳ.»[8]

1. ИЛ –Гаршеваз.
2. Л –Бидодаш хабар з-он гави некхоҳ.
3. Л –Гаршеваз.
4. Л – даргоҳи.
5. И – Чу Гаршеваз аз дур дида ба шоҳ,
Пиёда шуд аз аспу паймуд роҳ.
6. Л –Сиёвуш биншохташ.
7. Л –Бидид он сару афсари моҳи.
8. Л –Фиристод бо ман ҳам акнун ба роҳ.

www.sattor.com

Бифармуд, то ҳадя бардоштанд,
Ба пеши Сиёвахш бугзоштанд.[1]

Зи дарвозаи шаҳр то боргоҳ
Дирам буду аспу ғулому сипоҳ.[2]

Кас андоза нашнохт онро, ки чанд
Зи динору аз тоҷу тахти баланд.

Ғуломон ҳама бокулоҳу камар,
Парастанда бо ёраву тавқи зар[3].

Писанд омадаш сахту букшод рӯй,
Нигаҳ карду бишнид гуфтори[4] ӯй.

Таҳамтан бад-ӯ гуфт: «Як ҳафта шод
Бибошем, то посух орем ёд.

Бад-ин хоҳиш андеша бояд басе
Ҳамон низ[5] пурсидан аз ҳар касе.

Чу бишнид Гарсевази[6] пешбин,
Заминро бибӯсиду кард офарин.[7]

Яке хона ӯро биёростанд
Ба дебову холигарон хостанд.

Сиёвахш бо Рустами пилтан
Бирафтанд дур аз бари анҷуман.[8]

---

1. Л –Сиёвуш бигмоштанд.
2. Л –кулоҳ.
3. Л –б. б. 876 ин б. омада:
   Яке ёдгоре зи наздики шоҳ
   Зи баҳри ту, эй паҳлавони сипоҳ.
4. ИЛ –пайғоми.
5. И –боз.
6. ИЛ – Гаршевази.
7. Л –б. б. 880 ин. Б. омада:
   Чу огаҳ шуд аз он ҳама гуфтугӯй,
   Бимолид бар тахти ӯ рӯю мӯй;
   И – Чу огоҳ гашт аз ҳама гуфтугӯй,
   Бимолид бар тахти ӯ чашму рӯй.
8. ИЛ –б. 882 нест.

www.sattor.com

Нишастанд бедор ҳар ду ба ҳам,
Сиголиш гирифтанд бар бешу кам.

Аз он кор шуд[1] пилтан бадгумон,
К-аз он гуна Гарсеваз[2] омад дамон.[3]

Талоя ба ҳар сӯ бурун тохтанд,
Чунон чун бибоист, пардохтанд[4].

Сиёвуш зи Рустам бипурсиду гуфт,
Ки «Ин роз берун кашем*[5] аз нуҳуфт,

Ки ин оштӣ ҷустан аз баҳри чист,
Нигаҳ кун, ки тарёки ин заҳр чист?

Зи пайвастаи хун ба наздики ӯй,
Бубин, то кадоманд сад номҷӯй.

Гаравгон фиристад ба наздики мо,
Кунад равшан ин рои[6] торики мо

Набинӣ, ки аз мо ғамӣ шуд зи бим,
Ҳаме табл кӯбад ба зери гилем.

Чу ин карда бошем, наздики шоҳ
Фиристода бояд яке некхоҳ.

Бarad назди ӯ з-ин сухан[7] огаҳӣ,
Магар мағзи ӯ ояд аз кин тиҳӣ.

Чунин гуфт Рустам, ки «Ин аст рой,
Ҷуз ин рӯи паймон наёяд ба ҷой».

1. Л –буд.
2. Л –Гаршеваз.
3. И –К-аз он рӯй Гаршеваз омад давон.
4. И –Ҷаҳон чун, бибоист, барсохтанд; И –баъд аз б. 885 ин б. омада:
   Нишастанд бедор ҳар ду ба шаб,
   Ба гуфторҳо баркушоданд лаб.
5. М –кунем.
6. И –ҷони.
7. И –низ наздики ӯ.

www.sattor.com

ПАЙМОН КАРДАНИ СИЁВУШ БО АФРОСИЁБ

Ба шабгир Гарсеваз омад ба дар
Ба сар-бар кулоҳу бубаста*[1] камар.[2]

Биёмад ба пеши Сиёвуш, замин
Бибӯсиду бар шоҳ кард офарин.

Сиёвуш бад-ӯ гуфт: «Чун буд дӯш,
Зи лашкаргаҳи гашну чандин хурӯш?»

В-аз он пас чунин гуфт, к-«Аз кори[3] ту
Пурандеша будам зи гуфтори[4] ту.

Кунун рои ҳар ду бад-он шуд дуруст,
Ки аз кин ҳаме дил[5] бихоҳем шуст.

Ту посух фиристӣ ба Афросиёб,
Ки аз кин тиҳӣ кун сар андар шитоб.

Касе к-ӯ набинад саранҷом бад,
Зи кирдори бад бозгаштан сазад.

Диле к-аз хирад гардад ороста,
Чу ганҷе бувад пурзару[6]*[7] хоста.

Агар зери нӯш-андарун заҳр нест,
Дилатро зи ранҷу зиён баҳр нест.

Чу паймон ҳаме дошт хоҳӣ*[8] дуруст,[9]
Тани сад,[10] ки пайвастаи хуни туст,

Зи гурдон, ки Рустам бидонад ҳаме,
Куҷо номашон бар ту хонад ҳаме,

---

1. М –Чунон чун сазад бо.
2. Л –Чунон чун бувад бо кулоҳу қамар.
3. ИЛ –рои.
4. Ил –аз он ҷон.
5. ЛМ –кина дилҳо.
6. Л –Яке ганҷ гардад пур аз.
7. М –Яке ганҷ бошад пур аз хоста.
8. М –кард хоҳӣ.
9. Л –ҳамекард хоҳӣ нахуст.
10. Л –касоне.

www.sattor.com

Бари ман фиристӣ ба расми наво,
Ки бошад ба гуфтори ту-бар[1] гуво.

Ва дигар аз Эронзамин ҳар чӣ ҳаст
Ки он шаҳрҳоро ту дорӣ ба даст,

Бипардозиву худ ба Турон шавӣ,
Зи ҷангу зи киноварон биғнавӣ.[2]

Набошад ҷуз аз ростӣ дар миён,*[3]
Набояд будан чун паланги жиён,*[4]

Фиристам яке нома наздики шоҳ,
Магар б-оштӣ[5] боз хонад сипоҳ.»

Барафканд Гарсеваз[6] андар замон
Саворе ба кирдори[7] боди дамон.

Бад-ӯ гуфт: «Хира манеҳ сар ба хоб
Бирав тозиён назди Афросиёб.

Бигӯяш, ки ман тез биштофтам,
Кунун ҳар чи ҷустам,[8] ҳама ёфтам.

Гаравгон ҳаме хоҳад[9] аз шаҳрёр
Чу хоҳӣ, ки баргардад аз корзор.»[10]

Фиристода омад, бидодаш паём
Зи шоҳу зи Гарсевази[11] некном.

1. Л –ту пур.
2. ЛМ –Замоне зи ҷангу зи кин биғнавӣ.
3. М –ҷаҳон.
4. М –Ба кина набандем як тан миён.
5. Л – Бидонад магар.
6. ИЛ –Гарсеваз.
7. И –фиристодаеро чу.
8. Л –ҷустӣ.
9. И –Ҳаме хонад.
10. ТП – Зи хешону пайванди мо сад ҷавон
Зи мо хосташ Рустами паҳлавон.
11. Л –в-аз он Рустами; И –Гаршевази.

www.sattor.com

Чу гуфти фиристода бишнид шоҳ,
Фаровон бупечиду гум кард роҳ.

Ба дил гуфт сад тан зи хешони ман
Гар эдун, ки гум гардад аз анҷуман,[1]

Шикаст андарояд бар ин размгоҳ
Набошад бари ман касе некхоҳ.[2]

Вагар гӯям, аз ман гаравгон маҷӯй,
Дурӯғ оядаш сар ба сар гуфтугӯй.

Фиристод[3] бояд бари ӯ наво,[4]
Агар бегаравгон надорад раво.

Магар, к-ин балоҳо зи ман бигзарад,
Хирадманд бошам, беҳ аз[5] бехирад

Бар он сон, ки Рустам ҳаме ном бурд,
Зи хешони наздик сад[6] баршумурд,

Сӯи[7] шоҳи Эрон фиристодашон,
Басе хилъату некуӣ додашон.

Бифармуд, то кӯс бо каррной
Заданду фурӯ ҳишт пардасарой.

Бухорову Суғду Самарқанду Чоч,
Сапеҷобу[8] он кишвару тахти оҷ

Тиҳӣ карду шуд бо сипаҳ сӯи Ганг,
Баҳона наҷусту фиребу диранг.

1. ИЛ –Гузида фиристам бад-он анҷуман.
2. Л –кинахоҳ; И – Бари ман набошад яке некхоҳ.
3. Л –Фиристода.
4. И — Фиристода бояд зи баҳри наво.
5. И –на он.
6. И –наздики худ.
7. ИЛ –Бари.
8. ИЛ –Сипанҷобу.

www.sattor.com

Чу аз рафтанаш Рустам огоҳ шуд,
Равонаш зи андеша кӯтоҳ шуд.

Биёмад ба назди Сиёвуш чу гард,
Шунида суханҳо ҳама ёд кард.

Бад-ӯ гуфт: «Чун корҳо гашт рост,
Чу Гарсеваз[1] ар боз гардад, равост.»

Бифармуд, то хилъат оростанд,
Силеҳу кулоҳу камар хостанд.

Яке аспи тозӣ ба зарринситом
Яке теғи ҳиндӣ ба зарринниём.

Чу Гарсеваз он хилъати шоҳ дид,
Ту гуфтӣ магар бар замин моҳ дид.

ФИРИСТОДАНИ СИЁВУШ РУСТАМРО БА НАЗДИ КОВУС

Сиёвуш нишаст аз бари тахти оҷ,
Биёвехт ӯ*[2] аз бари оҷ тоҷ.

Ҳаме рой зад, то яке чарбгӯй
Касе, к-ӯ суханро диҳад рангу бӯй[3].

Зи лашкар ҳаме хост*[4] гурди савор[5]
Ки бо вай бисозад магар шаҳрёр.

Чунин гуфт бо ӯ[6] гави пилтан
К-«Аз ин дар кӣ ёрад кушодан сухан?

Ҳамон аст Ковус, к-аз пеш буд,
Зи тезӣ накоҳад, бихоҳад фузуд.[7]

1. ИЛ – Гаршеваз.
2. М –низ.
3. И –б. 933, 934 нест.
4. М –ҷуст.
5. И –Сиёвуш ҳаме ҷуст гурду савор.
6. И –вай.
7. Л –нахоҳад.

www.sattor.com

Магар ман шавам назди шоҳи ҷаҳон,
Кунам ошкоро бар ӯ-бар ниҳон.

Бибуррам замин, гар ту фармон диҳӣ,
Зи рафтан набинам ҳаме ҷуз беҳӣ.

Сиёвуш зи гуфтори ӯ шод гашт,[1]*[2]
Ҳадиси фиристодагон ёд*[3] гашт.[4]

Сипаҳдор биншасту Рустам ба ҳам
Сухан рафт ҳар гуна аз*[5] бешу кам.

Бифармуд, то рафт пешаш дабир
Навиштан яке номае бар ҳарир.*[6]

Нахуст офарин кард бар додгар,
К-аз ӯ дид нерӯву бахту[7] ҳунар.[8]

Худованди ҳушу забону тавон
Хирад парваронад ҳаме бо равон.

Гузар нест касро зи фармони ӯй,
Касе к-ӯ[9] бигардад зи паймони ӯй,

Зи гетӣ набинад ҷуз аз костӣ,
Бад-ӯ*[10] бошад афзуниву ростӣ.

Ҳамон офаринандаи ҳуру моҳ,
Физояндаи бахту тахту кулоҳ.

Аз ӯ бод бар шаҳрёр офарин –
Ҷаҳондору аз номдорон гузин.

1. И –На чизе бикоҳад, на ҳаргиз фузуд.
2. М –бод.
3. М –бисёр бар.
4. ЛМ –шуд.
5. Л –шуд.
6. М –Ба андеша бо май барангехт шир.
7. фарру.
8. ТПЗ – Худованди рою худованди дод,
Зи додаш хирадманд пирӯзу шод.
9. Л –ӯ.
10. Л –ӯ.

www.sattor.com

Расида ба ҳар неку бад рои ӯй[1]
Сутуни хирад бод болои ӯй![2]

Расидам ба Балху ба хуррамбаҳор,
Ҳамон[3]*[4] шодмон будам аз рӯзгор.

Зи ман чун хабар ёфт[5] Афросиёб,
Сияҳ шуд ба ҷом[6] - андараш равшан об.

Бидонист, к-он[7] кор душвор гашт,
Ҷаҳон тира шуд, бахти ӯ хор гашт,

Биёмад бародар-ш бо хоста,
Басе хубрӯёни ороста,

Ки зинҳор хоҳад зи шоҳи ҷаҳон,
Супорад бад-ӯ тоҷу тахти меҳон.[8]

Басанда кунад з-ин ҷаҳон марзи хеш,
Бидонад ҳаме появу[9] арзи хеш.

Аз Эронзамин наспарад тирахок,
Бишӯяд дил аз кинаву ҷанг пок.

Зи хешон фиристод сад назди ман,
Бад-ин хоҳиш омад гави пилтан.

Гар ӯро бибахшад зи меҳраш, сазост[10],
Ки бар меҳри ӯ чеҳраи ӯ гувост.[11]

---

1. М –Аз.
2. Л –гашта болои ӯ.
3. И –Ҳаме.
4. М –Ҳама.
5. И –шуд.
6. ЛМ –ба чашм.
7. Л –к-аш.
8. Л –каён.
9. Л –мояву.
10. Л –равост.
11. Л – Ки аз мехри ӯ чеҳри ӯ худ гувост.

www.sattor.com

Таҳамтан биёмад ба даргоҳи[1] шоҳ,
Чунон чун сазад[2] бо дирафшу сипоҳ.

В-аз он рӯй Гарсевази некхоҳ
Биёмад бари шоҳи туронсипоҳ.

Пас он гаҳ ки Гарсеваз андар шитоб
Биёмад ба наздики Афросиёб,[3]

Ҳама розҳои[4] Сиёвуш бигуфт,
Ки ӯро зи шоҳон касе нест ҷуфт.

Зи хубиву дидору гуфтори ӯй,
Зи ҳуши дилу шарму кирдори ӯй.

Далеру сухангӯю гурду савор,
Ту гӯӣ хирад дорадаш дар[5] канор.

Бихандиду бо вай чунин гуфт шоҳ,
Ки «Чора беҳ аз ҷанг, эй некхоҳ!

Дилам гашт аз он хоби бад пурниҳеб,
Зи боло бидидам нишони[6] нишеб.

Пур аз дард гаштам сӯи чора боз,
Бад-он то намонад танам дар гудоз.

Ба ганҷу дирам чора оростам,
Кунун он чунон шуд[7], ки ман хостам.»

ПАЁМ ДОДАНИ РУСТАМ КОВУСРО

В-аз ин рӯй чун Рустами шермард
Биёмад бари шоҳи Эрон чу гард,

1. ИЛМ – наздики.
2. Л – бувад.
3. ИЛ – ба ҷои б. 980,961 ин б. омада:
   В-аз он рӯи Гаршеваз андар шитоб
   Расидаш ба наздики Афросиёб.
4. ЛМ – достони.
5. ЛМ – дорад андар.
6. И – бад-ин сон.
7. И –шуд бар он сон; И –шуд бар эшон.

www.sattor.com

Ба пеш андаромад ба каш карда даст,
Баромад сипаҳбад зи[1] ҷои нишаст.

Бипурсиду бигрифташ андар канор,
Зи фарзанду аз гардиши рӯзгор,

Зи гурдону аз разму кори[2] сипоҳ,
В-аз он то чаро боз гашт ӯ зи роҳ.[3]

Нахуст аз Сиёвуш забон баркушод,
Ситудаш фаровону нома бидод.

Чу нома бар ӯ хонд фаррух дабир,
Рухи шоҳ Ковус шуд ҳамчу*[4] қир.

Ба Рустам чунин гуфт: Гирам, ки ӯй
Ҷавон асту бад[5] норасида ба рӯй.

На, охир ту марде ҷаҳондидаӣ,
Баду нек ҳар гунае дидаӣ.[6]

Чу ту нест андар ҷаҳон сар ба сар,
Ба ҷанг аз ту ҷӯянд шерон ҳунар.

Надидӣ[7] ту бадҳои*[8] Афросиёб,
Ки гум шуд зи мо хӯрду орому хоб?

Маро рафт боист, кардам диранг,
Маро буд бо ӯ сари пур зи ҷанг.

Нарафтам, ки гуфтанд аз эдар марав,
Бимон, то басечад сипаҳдори[9] нав.

---

1. ИЛ –ба.
2. Л –размгоҳу.
3. ТПЗ – Таҳамтан бибӯсид рӯи замин,
   Ба Ковус бархонд чанд офарин.
4. М –шаҳрёри ҷаҳон шуд чу.
5. ИЛ –бар.
6. ИЛ –б. 976 нест.
7. И – Бидидӣ.
8. М – бадиҳои.
9. ИЛ – ҷаҳондори.

www.sattor.com

Чу бодафраҳи эзадӣ хос буд,
Мукофоти бадҳо бадӣ хос буд.

Шуморо бад-он мурдарӣ хоста,
Бар он гуна - бар дил шуд ороста.

Ба моле, ки вай[1] бистад аз бегунох,
Бад-ин сон[2] бупечид сартон зи роҳ.

Ба сад турки бечораи баднажод,
Ки номи падаршон надоранд ёд,

Ҳамон аз гаравгон кам андешад ӯй,[3]
Ҳамон пеши чашмаш ҳам он оби ҷӯй.[4]

Шумо гар хирадро набастед кор,
На ман серам аз печиши[5] корзор.[6]

Ба назди Сиёвуш фиристам кунун
Яке марди бодонишу пурфусун.*[7]

Бифармоямаш, к-оташе кун баланд,
Ба банди гарон пои туркон бубанд.

Бар оташ бинеҳ хоста, ҳар чи ҳаст,
Нигар, то наёзӣ ба як чиз даст.

Пас он бастагонро сӯи[8] ман фирист,
Ки саршон бихоҳам зи таншон гусист[9]

Ту бо лашкари хеш сар пур зи[10] ҷанг
Бирав то ба даргоҳи ӯ бедиранг.

---

1. Л – ӯ.
2. Л-дар.
3. Л – чи андеши ӯ.
4. Л – хоки кӯ.
5. Л – ҷангу аз.
6. И – бахшиши рӯзгор.
7. М – раҳнамун.
8. ИЛ – бари.
9. Л – Ки ман сар бихоҳам зи таншон гусист.
10. Л – неҳ.

www.sattor.com

Ҳама даст букшой, то яксара
Чу гург андароянд пеши бара.

Чу ту соз гирӣ ба кин тӯхтан,[1]
Сипоҳат кунад ғорату сӯхтан.

Биёяд ба ҷанги ту Афросиёб,
Чу гардад бар ӯ нохуш орому хоб».

Таҳамтан бад-ӯ гуфт, к-«Эй шаҳрёр,
Дилатро бад-ин кор ғамгин мадор.

Сухан бишнав аз ман ту, эй шаҳ, нахуст,
Пас он гаҳ[2] ҷаҳон зери фармони туст.

Ту гуфтӣ, ки бар ҷанги Афросиёб
Марон тез лашкар бад-он рӯи об.

Бимонед, то ӯ биёяд ба ҷанг,
Ки ӯ худ шитоб оварад бедиранг.

Бибудем, то ҷанг ҷӯяд дуруст,[3]
Дари оштӣ ӯ кушод аз нахуст.

Касе к-оштӣ ҷӯяду суру базм,
На некӯ бувад тез[4] рафтан ба разм.

Ва дигар, ки паймон шикастан зи шоҳ
Набошад писандидаи некхоҳ.

Сиёвуш чу пирӯз будӣ[5] ба ҷанг,
Бирафтӣ ба сони диловар наҳанг.

1. ИЛ – бад омӯханд.
2. Л – Аз он пас.
3. Л – наҷуст.
4. ИЛ – пеш.
5. Л – дидӣ.

www.sattor.com

Чӣ ҷустӣ[1] ҷуз аз[2] тахту тоҷу нигин
Таносоиву ганҷи[3] Эронзамин.

Ҳама ёфтӣ, ҷанг хира маҷӯй,[4]
Дили равшанат з-оби тира машӯй,[5]

Ки Афросиёб ин суханҳо ки гуфт,
Ба паймон шикастан бихоҳад нуҳуфт,

Ҳам аз ҷанг ҷустан нагаштем сер,
Ба ҷой аст шамшеру чанголи шер.

Ту бо тахти зар бо Сиёвахши род
Ба Эрон бибошед хандону шод.

Зи Зобул биронам ман андак сипоҳ,
Намонам ба Турон сари тахту гоҳ.

Ба гурзи набардӣ бар Афросиёб
Кунам тирагун тобиши офтоб.

Миёни ману ӯ басе разм буд,
Магар, к-ам бихоҳад дигар озмуд.[6]

Зи фарзанд паймон шикастан махоҳ,
Магӯ, он чӣ андархурад бо гуноҳ.

Ниҳонӣ чаро гуфт бояд сухун,
Сиёвуш зи паймон нагардад зи бун.

В-аз ин кор, к-андеша кардаст шоҳ,
Барошӯбад он номвар пешгоҳ.

Макун бахти фарзанди худро дижам,
Бубинӣ дили хеш з-ин пас ба ғам.»[7]

1. Л –ҷӯй.
2. И – Наҷустӣ ба ҷуз.
3. Л – Таносони (ву) ганҷу.
4. Л – макун.
5. Л – Дилат равшан аст, об тира макун.
6. ИЛ – б. 1007 – 1010 нест.
7. ИЛ – б. 1014 нест.

www.sattor.com

ФИРИСТОДАНИ КОВУС РУСТАМРО БА СИСТОН

Чу бишнид Ковус, шуд пур зи хашм,
Барошуфт аз он кору бикшод чашм.

Ба Рустам чунин гуфт шоҳи ҷаҳон,
Ки «Эдар[1]*[2] намонад сухан[3] дар ниҳон,

Ки ин дар сари ӯ ту афкандаӣ,
Чунин бехи кин аз дилаш кандаӣ.

Таносонии хеш ҷустӣ дар[4] ин,
На афрӯзиши тоҷу тахту нигин.[5]

Ту эдар бимон, то сипаҳдор Тус
Бубандад бар ин кор бар пил кӯс.[6]

Ман акнун ҳаюне фиристам ба Балх
Яке номае бо суханҳои талх.

Сиёвуш агар сар зи фармони ман
Бипечад, наёяд ба паймони ман,

Ба Туси сипаҳбад супорад сипоҳ,
Худу вижагон[7] боз гардад зи роҳ.

Бубинад зи ман, ҳар чӣ андарх(в)ар аст,
Ки ӯро чунин доварӣ дар сар аст.

Нахонам туро з-ин сипас низ ёр
Нахоҳам, ки моро кунӣ корзор.»[8]

---

1. Л – Намонад.
2. М – эдун.
3. Л – ҳам.
4. ИЛ – аз.
5. ТПЗ – Туро дил ба он хоста шод шуд,
   Ҳама ҷанг дар пеши ту бод шуд.
6. И – Зи дар бениёзӣ зи шамшер ҷӯй,
   Ба кишвар бувадмон ҳама обрӯй.
7. Л – хосагон; И – бузургон.
8. Л – б.19024 нест.

www.sattor.com

Ғамӣ гашт Рустам, ба овоз гуфт,
Ки «Гардун сари ман биёрад нуҳуфт.

Агар Тус ҷангитар аз Рустам аст,
Чунон дон, ки Рустам ба гетӣ кам аст.»

Бигуфт ину берун шуд аз пеши ӯй,
Пур аз хашм ҷону пурожанг[1] рӯй.

Або лашкари хеш баргашту рафт,
Сӯи Систон рӯй бинҳод тафт.[2]

Ҳам андар замон Тусро хонд шоҳ,
Бифармуд лашкар кашидан ба роҳ.[3]

Бурун рафт[4] аз пеши Ковус Тус.
Бифармуд, то лашкару бӯқу кӯс

Бисозанду ороиши раҳ кунанд,
В-аз оромгаҳ роҳ кӯтаҳ кунанд,

ПОСУХИ НОМАИ СИЁВУШ АЗ КОВУС

Ҳаюне биёрост Ковусшоҳ
Бифармуд, то боз гардад зи роҳ.[5]

Нависандаи номаро пеш хонд,
Бари тахти хешаш ба курсӣ нишонд.

Яке нома фармуд пурхашму ҷанг,
Паёме ба кирдори тири хаданг.[6]

Нахуст офарин кард бар кирдгор,
Худованди оромишу корзор.

---

1. ИЛ – чашму пур аз ранг.
2. ИЛ – б. 1028 нест.
3. ТПЗИЛ – Бад-ӯ гуфт, к-«Эй сарфарози далер,
   Бурун шав* аз эдар ба кирдори шер.
   * ИЛ – рав.
4. ИЛ – Чу берун шуд.
5. ТПЗИЛ –Або номаву бо суханҳои талх
   Фиристод назди Сиёвуш ба Балх.
6. ИЛ – Забон тезу рухсора чун бодаранг.

www.sattor.com

Худованди Баҳрому Кайвону Моҳ,
Худованди неку баду фарру гоҳ.[1]

Ба фармони ӯяст гардонсипеҳр,
В-аз ӯ боз густарда ҳар ҷой меҳр.

Туро, эй ҷавон, тандурустиву бахт,
Ҳамеша бимонод бо тоҷу тахт!

Агар бар дилат рои ман тира гашт,
Сар аз разм ҷустан туро[2] хира гашт,

1040 Шунидӣ, ки душман ба Эрон чӣ кард,
Чу пирӯз шуд рӯзгори набард?

Кунун хира озарми душман маҷӯй,
Бар ин боргаҳ-бар мабар-т[3] обу рӯй.

Манеҳ аз ҷавонӣ сар андар фиреб,[4]
Гар аз чархи гардон нахоҳӣ ниҳеб.

Гаравгон, ки дорӣ, ба даргаҳ фирист,
Ба банд андаровардашон пову даст.

Туро гар фиребад, набошад шигифт,
Маро аз худ андоза бояд гирифт,

1045 Ки ман з-он фиребанда гуфтори ӯй,
Басе боз гаштам зи пайкори ӯй.

Нарафт эч бо ман сухан з-оштӣ
Зи фармони ман рӯй баргоштӣ.[5]

Ту бо хубрӯён биёмехтӣ[6]
Ба бозиву[7] аз ҷанг бугрехтӣ.

1. ИЛ – чоҳ.
2. ЛМ – Зи хоби ҷавонӣ сарат.
3. Л – марез.
4. Л – нишеб.
5. Л – б. 1046 нест.
6. И – моҳрӯён баромехтӣ.
7. Л – ба шодиву.

www.sattor.com

Ҳамон Рустам аз ганҷи ороста
Нахоҳад шудан серу[1] аз хоста.

В-аз он мурдарӣ тоҷи шоҳаншаҳӣ
Туро шуд сар аз ҷанг ҷустан тиҳӣ.

Дари[2] бениёзӣ ба шамшер ҷӯй,
Ба[3] кишвар бувад шоҳро обрӯй.

Чу Туси сипаҳбад расад пеши ту,
Бисозад чу бояд[4] каму беши ту,

Ҳам андар замон бор кун бар харон,
Гаравгон, ки дорӣ ба банди гарон.

Аз ин[5] оштӣ рои чархи баланд
Чунон аст, к-ояд ба ҷонат газанд.

Ба Эрон расад з-ин бадӣ огаҳӣ,
Барошӯбад ин рӯзгори беҳӣ.

Ту шав, кину омехтанро бисоз,
Аз ин дар суханҳо магардон дароз

Чу ту сози ҷангу шабехун кунӣ,
Зи хоки сияҳ рӯди Ҷайҳун кунӣ,

Сипаҳбад сар андарнаёрад ба хоб,
Биёяд ба ҷанги ту Афросиёб.

Агар меҳр дорӣ бад-он анҷуман,[6]
Нахоҳӣ, ки хонанд-т паймоншикан,

Сипаҳ Тусро деҳ, ту худ бозгард,
Наӣ марди пархошу нангу[7] набард.

1. И – сер.
2. Л – Дигар.
3. Л – зи.
4. Л – бинад.
5. И – К-аз ин.
6. ИМ – бар он аҳриман.
7. Л – ҷангу.

www.sattor.com

Ниҳоданд бар нома-бар мӯҳри шоҳ
Ҳаюне дароварду[1] бубрид роҳ.[2]

Чу нома ба назди Сиёвуш расид,
Бад-он гуна гуфтори нохуш шунид,[3]*[4]

Фиристодаро хонду пурсид чуст,[5]
Аз ӯ кард як сар суханҳо дуруст.[6]

Бигуфт он чӣ бо пилтан гуфта буд,
Зи Тусу зи Ковус, к-ошуфта буд.

Сиёвуш чу бишнид гуфтори ӯй,
Зи Рустам ғамӣ гашту аз кори ӯй.

Зи кори падар дил пурандеша кард,
Зи туркону аз рӯзгори набард.

Ҳаме гуфт сад марди гурду савор
Зи хешони шоҳи чунин номдор,

Ҳама некхоҳу ҳама бегуноҳ,
Агаршон фиристам ба наздики шоҳ,

Напурсад,[7] наандешад аз корашон,
Ҳамон гаҳ кунад зинда бар дорашон.

Ба наздики Яздон чӣ пӯзиш барам?
Бад ояд зи кори падар бар сарам.

В-ар эдун, ки ҷанг оварам бегуноҳ,
Чунин*[8] хира бо шоҳи туронсипоҳ,

1. И – Ҳаюн бар дар оварду.
2. Л – б. 1060 нест.
3. ИЛ – нохуб дид.
4. М – нохуб гуфтор дид.
5. Л –пурсиду гуфт.
6. Л – Ки бар мо макун ошкоро ниҳуфт.
7. Л – Натарсад.
8. М – Абар.

www.sattor.com

Ҷаҳондор напсандад ин бад зи ман,
Кушоянд бар ман забон анҷуман.

В-агар боз гардам ба даргоҳи шоҳ,
Ба Туси сипаҳбад супорам сипоҳ,

Аз ӯ низ ҳам бар сарам бад расад,
Чапу рост бад бинаму пеш бад.

Наёяд зи Судоба[1] ҳам ҷуз бадӣ,
Надонам чӣ хоҳад будан[2] эзадӣ.

РОЙ ЗАДАНИ СИЁВУШ БО БАҲРОМ ВА ЗАНГА

1075 Ду танро зи лашкар зи кундоварон,
Чу Баҳрому чун Зангаи Шоварон,

Бар ин розашон хонд наздики хеш,
Бипардохт айвону биншонд пеш,

Ки розаш ба ҳам буд бо ҳар ду тан
Аз он пас, ки Рустам бишуд з-анҷуман.

Бад-эшон чунин гуфт, к-аз бахти бад
Ҳаме ҳар замон[3] бар сарам бад расад.

Бад-он меҳрубонӣ дили шаҳрёр
Ба сони дарахте пур аз баргу бор,

1080 Чу Судоба ӯро фиребанда гашт,
Ту гӯӣ, ки заҳри газоянда гашт.[4]

Шабистони ӯ гашт зиндони ман,
Бипажмурд аз он[5] бахти хандони ман.

---

1. И- Судова.
2. ИЛ – расид.
3. ИЛМ – Фаровон ҳаме.
4. И – б. 1080 нест.
5. ИЛ – Ғамӣ гашт аз ӯ.

www.sattor.com

Чунин рафт бар сар маро рӯзгор,
Ки бо меҳри[1] ӯ оташ овард бор.

Гузидам бад-он сури[2] бе об ҷанг,
Магар дур монам зи ҷанги наҳанг.[3]

Ба Балх-андарун буд чандон сипоҳ
Сипаҳбад чу Гарсевази некхоҳ.[4]

Нишаста ба Суғд-андарун шаҳрёр,
Пур аз кина бо теғзан сад ҳазор.

Бирафтем бар сони боди дамон,
Наҷустем бар ҷанги эшон замон.

Чу кишвар саросар бипардохтанд,
Гаравгону он[5] ҳадяҳо сохтанд,

Ҳама мӯбадон баргузиданд*[6] роҳ,
Ки мо боз гардем аз ин размгоҳ.

Гар ӯро*[7] зи баҳри фузунист ҷанг,
Ҳамаш ҷангу ҳам кишвар ояд ба чанг.[8]

Чӣ бояд ҳаме хира хун рехтан,
Чунин дил ба кин андаровехтан?

Саре к-аш набошад зи мағз огаҳӣ,
На аз бадтарӣ боз донад беҳӣ.

Қубод омаду рафту гетӣ супурд,
В-аз он пас ҳама рафта бояд шумурд.

1. Л – об
2. Л – бар он суда.
3. Жул Мул – сур сахтиву разм
   Ҳаме дур мондам зи шодиву базм.
4. ИЛ –Гаршевази кинахоҳ.
5. Л – Гаравгон равон.
6. ИЛМ – Чу ганҷ омаду кишвар омад ба чанг.
7. М – он намуданд.
8. М – Варо гар.

www.sattor.com

Писандаш наёмад ҳаме кори ман,
Бикӯшад ба ранҷу ба озори ман.

Ба хира ҳаме ҷанг фармоядам,
Битарсам, ки савганд бигзоядам.

Ҳаме сар зи Яздон набояд[1] кашид,
Зи роҳи*[2] ниёкон набояд рамид.[3]

Ду гетӣ ҳаме бурд хоҳад зи ман,
Бимонам ба коми дили Аҳриман.

В-аз он пас, кӣ донад, к-аз ин корзор
Киро баркашад гардиши рӯзгор?

Назодӣ маро кошкӣ модарам
В-агар зод, марг омадӣ бар сарам!

Ки чандин балоҳо бибояд кашид,
Зи гетӣ ҳама заҳр бояд*[4] чашид.[5]

Дарахтест ин баркашида баланд,
Ки бораш ҳама заҳру баргаш газанд.

В-аз ин гуна паймон, ки ман кардаам,
Ба Яздон чи савгандҳо х(в)ардаам,

Агар[6] сар бигардонам аз ростӣ,
Фароз ояд аз ҳар сӯе костӣ.

Забон баркушоянд бар ман[7] ба бад
Ба ҳар ҷойгоҳе,[8] чунон чун сазад.

---

1. Л – бибояд.
2. Л – Фаровон накӯҳиш бибояд шунид; И – Зи гетӣ ҳаме заҳр бояд чашид.
3. М – кори.
4. М – Фаровон ғаму ранҷ.
5. И – Зи роҳи ниёкон бибояд рамид.
6. Л – Ки гар.
7. Л – ҳар як.
8. ЛМ – ҷой бар ман.

www.sattor.com

Пароканда гардад ба даҳр ин сухун.
Ки бо шоҳи Турон фикандем бун.

Ба кин бозгаштан, буридан зи дин
Кашидан сар аз осмон бар замин,

Чунин кай писандад зи ман кирдгор,
Куҷо бар диҳад гардиши рӯзгор?

Шавам, гӯшае[1] ҷӯям андар ҷаҳон,
Ки номам зи Ковус монад[2] ниҳон.

Чу[3] равшан замона бад-он сон бувад,
Ки фармони додори[4] кайҳон бувад.

Ту, эй номвар Зангаи Шоварон,
Биёрой дилро*[5] ба ранҷи равон.*[6]

Бирав то ба даргоҳи Афросиёб,
Дирангӣ мабошу манеҳ сар ба хоб.

Гаравгону ин хоста, ҳар чӣ ҳаст,
Зи динору аз тоҷу тахти нишаст,[7]

Бубар ҳамчунин то ба наздики*[8] ӯй,[9]
Бигӯяш, ки моро чӣ омад ба рӯй.

Бифармуд Баҳроми Гударзро,
Ки «Эй[10] номвар, лашкару марзро

1. ИЛ – кишваре.
2. ИЛ – гардад.
3. Л – Ки.
4. Л – дорои.
5. М – танро.
6. М- гарон.
7. И – Зи ганҷу зи тоҷу зи тахти нишаст.
8. М – он ҳама боз бар пеши.
9. Л – Якояк ҳама боз бар пеши ӯй; И – Чунин бар ҳама боз бар пеши ӯй.
10. ЛМ – ин; И – он.

www.sattor.com

Супурдам туро пардаву[1]*[2] пилу кӯс,
Бимон, то биёяд сипаҳдор Тӯс.

Бад-ӯ деҳ ту ин лашкару хоста,
Ҳама сар ба сар кори ороста.

Якояк бар ӯ баршумар, ҳар чи ҳаст,
Зи ганҷу зи тоҷу зи тахти нишаст.»

Чу бишнид Баҳром гуфтори ӯй,
Дилаш гашт печон зи кирдори[3] ӯй.

Биборид хун Зангаи Шоварон,
Бинафрид бар буми Ҳомоварон.

Пур аз ғам нишастанд ҳар ду ба ҳам,
Равоншон зи гуфтори ӯ шуд дижам.

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Ин рой нест,
Туро бе падар дар ҷаҳон ҷой нест.

Яке нома бинвис наздики шоҳ,
Гави пилтанро аз ӯ бозхоҳ.[4]

Агар ҷанг фармон диҳад,ҷанг соз,
Сухан кӯтаҳ аст, ар нагардад дароз.

Гар ором гирӣ, сухан танг нест,
Туро пӯзиш андар падар нанг нест.[5]

Наво*[6] гар фиристӣ ба наздики ӯй,
Бихандад дилу ҷони*[7] торики ӯй.[8]

1. Л – пок бо.
2. М – ҷумла бо.
3. ИЛ – тимори.
4. ЛМ – Дигарбора з-ӯ пилтанро бихоҳ.
5. Л – Туро пӯзиш андар падар ҷанг нест.
6. Л – Маро гар фиристӣ ба наздики ӯй,
Фурӯзам ман аз ҷони торики ӯй.
7. М – маро.
8. М – Барафрӯзам он ҷони.

www.sattor.com

Дилат гар чунин ранҷа гашт аз наво,
Раҳо кун, касе нест бар ту гуво.[1]*[2]

Ба нома ҷуз аз ҷанг фармон-ш нест,
Нарафтаст*[3] коре, ки дармон-ш нест.

Ба фармони Ковус ҷанг оварем,
Ҷаҳон бар бадандеш танг оварем.

Макун хира андеша бар дил дароз,
Сари ӯ ба чарбӣ[4]*[5] ба дом ор боз.

Магардон ба мо-бар дижам рӯзгор,
Чу омад[6] дарахти бузургӣ ба бор.

Пур аз хун макун дидаву тоҷу тахт,
Махӯшон зи бун хусравонӣ дарахт.

На некӯ*[7] бувад бе ту тахту кулоҳ,
Сипоҳу саропардаву[8] боргоҳ.

Сару мағзи Ковус оташкада-ст,
Ҳамон[9] номаву ҷанги ӯ беҳуда-ст.

В-агар осмонӣ ҷуз ин аст роз,
Чӣ бояд кашидан суханҳо дароз?»

Напазруфт аз он ду хирадманд панд,
Дигар буд рози сипеҳри баланд.

Чунон дод посух, ки фармони шоҳ
Бар онам, ки бартар зи хуршеду моҳ,

1. ИЛ – Раҳо кун навову раҳо кун гуво.
2. Л – Хубӣ.
3. М – На ҷанг аст бар ту раво.
4. М – Нагуфтад.
5. И – Баромад.
6. М – чарбӣ.
7. ИЛ – Дари пардаву.
8. М – Чи гуна.
9. И –Ҳама.

www.sattor.com

Валекин зи фармони[1] Яздон далер
Набошад зи хошок то пилу шер.

Касе к-ӯ зи фармони Яздон битофт,
Саросема шуд, хештанро наёфт.

Ҳаме даст ёзид бояд ба хун,
Ба кини ду кишвар будан раҳнамун.

Зи баҳри наво ҳам[2] биёзорад ӯй,
Суханҳои гумкарда боз орад ӯй.

1140 В-агар боз гардам[3] аз ин размгоҳ,
Шавам разм*[4] нокарда[5] наздики шоҳ,

Ҳамон хашму пайкор боз оварад,[6]
Ба дил ғам, тан андар гудоз оварад.[7]

Агар[8] тиратон шуд дил[9] аз кори ман,
Бупечидатон сар[10] зи гуфтори ман,

Фиристода худ бошаму раҳнамой,
Бимонам[11] бар ин дашт пардасарой.

Касе к-ӯ набинад ҳаме ганҷи ман,
Чаро баргуморад ба дил[12] ранҷи ман?!».[13]

---

1. ИЛ – паймон.
2. Л – ту ҳам гар.
3. И – гардем.
4. М – кор.
5. И – корнокарда; Л – Шавад кори нокарда.
6. И – бор оварад.
7. ИМ – Сиришки ғам андар канор оварад;
   ТПЗ – Бигӯяд зи ҳар гуна бо мо сухан
   Зи кори наву корҳои куҳан.
8. ЛМ – В-агар.
9. И – сар.
10. ИЛ – Бипечид сартон.
11. Л –Намонам.
12. ИЛ –баргуморам ӯ.
13. ТПЗ – Гаравгону ин хоста бар шитоб
    Барам тозиён назди Афросиёб.

www.sattor.com

Сиёвуш чу посух чунин дод боз,
Бипажмурд ҷони ду гарданфароз.

Зи бими ҷудоиш гирён шуданд,
Чу бар оташи тез бирён шуданд.

Ҳаме дид чашми бади[1] рӯзгор,
Ки андар ниҳон[2] чист бо шаҳрёр.

Нахоҳад будан низ дидори ӯй,
Аз он чашм гирён шуд аз кори ӯй.

Чунин гуфт Занга, ки «Мо бандаем,
Ба меҳри сипаҳбад дил огандаем.

Фидои ту бошад тану ҷони мо,[3]
Чунин бод то марг паймони мо!»[4]

Чу посух чунин ёфт он[5] некхоҳ,
Чунин гуфт бо Занга бедоршоҳ,

Ки «Рав, шоҳи туронсипаҳро бигӯй,
К-аз ин кор моро чӣ омад ба рӯй.

Аз ин оштӣ ҷанг беҳри ман аст,
Ҳама нӯши ту дарду заҳри ман аст.

Зи паймони ту сар накардам тиҳӣ,
В-агарчи бимонам зи тахти меҳӣ.

Ҷаҳондор Яздон паноҳи ман аст,
Замин тахту гардун кулоҳи ман аст.

Ва дигар, ки бар хира нокарда кор,
Нашоист рафтан бари шаҳрёр.

Яке роҳ букшой, то бугзарам,
Ба ҷое ки кард Эзад обишх(в)арам.

1. Л –чашму дили.
2. Л –ҷаҳон.
3. Л –бодо дилу ҷони ман.
4. Л –паймони ман.
5. ЛМ –аз.

www.sattor.com

Яке кишваре ҷӯям андар ниҳон,[1]
Ки номам зи Ковус гардад ниҳон.

Зи хӯи бади ӯ сухан нашнавам,
Зи пайкори ӯ як замон биғнавам.»

РАФТАНИ ЗАНГА ПЕШИ АФРОСИЁБ

1160 Бишуд Занга бо номвар сад савор,
Гаравгон бибурд[2] аз дари шаҳрёр.

Бибурдаш ҳама хоста, ҳар чӣ буд,[3]
Ки аз пеш Гарсеваз[4] оварда буд.

Чу дар шаҳр солори туркон расид,
Хурӯш омаду дидбонаш бидид.

Пазира шудаш номдори бузург,
Куҷо номи ӯ буд ҷангӣ Тувург.

Чу шуд Зангаи Шоварон назди шоҳ,
Сипаҳдор бархост аз пешгоҳ.

1165 Гирифташ ба бар тангу бинвохташ,
Гиромӣ бари хеш биншохташ.

Чу биншаст бо шоҳ,[5] нома бидод,
Саросар суханҳо бар ӯ кард ёд,

Бупечид аз он нома Афросиёб,
Дилаш гашт пурдарду сар пуршитоб.

Бифармуд, то ҷойгаҳ сохтанд,
Варо чун сазо буд, бинвохтанд,

1. ИЛМ –ҷаҳон.
2. Л –барад.
3. И –зуд.
4. И –Гаршеваз.
5. И –шоҳу.

www.sattor.com

Сипаҳдори худро бихондаш чу дуд,
Биёмад ба пешаш*[1] сипаҳдор зуд.[2]

Чу Пирон биёмад, тиҳӣ кард ҷой,
Сухан ронд бо номвар кадхудой.

Зи Ковусу аз хом гуфтори ӯй,
Зи хӯи баду рою пайкори ӯй.

Ҳаме гуфт рухсора карда дижам,
Зи кори Сиёвуш дилаш[3]*[4] пур зи ғам.

Фиристодани Зангаи Шоварон,
Ҳама ёд кард аз карон то карон.

Бипурсид, к-«Инро чӣ дармон кунам,
В-аз ин роҳ ҷустан чӣ паймон кунам?»

Бад-ӯ гуфт Пирон, ки «Эй шаҳрёр,
Анӯша бизӣ, то бувад рӯзгор!

Ту аз мо ба ҳар кор донотарӣ,
Ба ганҷу ба мардӣ тавонотарӣ.

Гумону дилу донишу рои ту,
Нагирад ба дониш касе ҷои ту.

Ҳар он[5] кас, ки бар некуӣ дар ҷаҳон
Тавоно бувад ошкору ниҳон.

Аз ин шоҳзода нагиранд боз,
Зи ганҷу зи ранҷ, он чӣ ояд фароз.

Ман эдун шунидам, ки андар ҷаҳон
Касе нест монанди ӯ аз меҳон.

Ба болову дидору оҳистагӣ,
Ба фарҳангу рою ба шоистагӣ.

1. М –ба наздаш.
2. Л –б. 1169 нест.
3. И –дили.
4. М –Сиёвахш дил.
5. ИЛ – ки ҳар.

www.sattor.com

Ҳунар бо хирад низ беш аз нажод,
Чун ӯ шоҳзода зи модар назод.

Ба дидан кунун аз шумурдан беҳ аст,
Гаронмояву шоҳзода меҳ аст.

Агар худ ҷуз инаш набудӣ ҳунар,
Ки аз хуни сад номвар бо падар

1185 Барошуфту бугзошт тахту кулоҳ,
Ба кеҳтар супурду худ омад ба*[1] роҳ.

Бад-ин кишвар андар бувад меҳтаре,
Ки бошад харидори кундоваре.

На некӯ намояд зи роҳи хирад,
К-аз ин кишвар он номвар бугзарад.

Ва дигар, ки Ковус шуд пирсар,
Зи тахт омадаш рӯзгори гузар.

Сиёвуш ҷавон асту бо фарраҳӣ,
Бад-ӯ монад оини[2] тахти меҳӣ.

1190 Туро сарзаниш бошад аз меҳтарон,
Сари ӯ ҳамон аз ту гардад гарон.

Агар шоҳ бинад зи рои баланд,
Нависад яке номаи пандманд.

Чунон чун навозанд фарзандро,
Навозад ҷавони хирадмандро.

Яке ҷой созад бад-ин кишвараш,
Бидорад сазовор андарх(в)араш.

Ба оин диҳад духтарашро*[3] бад-ӯй,
Бидорад-ш бо нозу бо обрӯй.

1. М – Ҳаме аз ту ҷӯяд бад-ин гуна.
2. ИЛ –оину.
3. М –Зи парда диҳад духтареро.

www.sattor.com

Магар, к-ӯ бимонад ба наздики шоҳ,
Кунад кишвару бумат оромгоҳ.

В-агар боз гардад сӯи шаҳрёр,
Туро бартарӣ бошад аз рӯзгор.

Сипосе бувад назди шоҳи замин,
Бузургони гетӣ кунанд офарин.

Баросояд аз кин ду лашкар[1] магар,
Бад-ин овaридаш магар додгар.[2]

Зи доди ҷаҳонофарин ин сазост,
Ки гардад замона бад-ин кор рост».

Чу солор гуфтори Пирон шунид,
Чунон ҳам[3] ҳама[4] буданиҳо бидид,

Пас андеша кард андар он як замон,
Ҳамон дошт бар неку бар бад гумон.

Чунин дод посух ба Пирони пир,
Ки «Ҳаст ин суханҳо ҳама дилпазир.

Зи корозмуда, гузида меҳон[5]
Ба монанди ту нест андар ҷаҳон.

Валекин шунидам яке достон,
Ки бошад бар-он рой ҳамдостон,

Ки чун баччаи шери нар парварӣ,
Чу дандон кунад тез, кайфар барӣ.

Чу бо зӯру бо ҷанг бархезад ӯй,
Ба парвардгор андаровезад ӯй.»

1. ИЛ –кишвар.
2. ЛМ Ж –Агар орадаш назди мо додгар.
3. Л – чун.
4. И – Чунон, ки ҳаме.
5. И – сарон.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт Пирон, ки «Андар хирад [1]
Яке шоҳи кундоварон бингарад.

Касе к-аз падар кажживу хӯи бад
Нагирад, аз ӯ бадхуӣ кай сазад?[2]

Набинӣ, ки Ковус дерина гашт,
Чу дерина шуд, ҳам[3] бибояд гузашт.

Сиёвуш бигирад ҷаҳони фарох,
Басе ганҷи беранҷу айвону кох.

Ду кишвар туро бошаду тоҷу тахт,
Чунин худ кӣ ёбад, магар некбахт?»

НОМАИ АФРОСИЁБ БА СИЁВУШ

Чу бишнид Афросиёб ин сухун,
Яке рои бодониш[4] афканд бун.

Дабири ҷаҳондидаро пеш хонд,
Забон баркушоду сухан барфишонд.

Нахустин, ки бар нома бинҳод даст,
Ба анбар сари хомаро[5] кард баст.

Ҷаҳонофаринро ситоиш гирифт,
Бузургиву рояш ниёиш гирифт,[6]

Ки ӯ бартар аст аз макону замон,
Бад-ӯ кай расад бандагонро гумон?

Худованди ҳушу равону хирад,
Хирадмандро доди ӯ парварад.

1. ИЛ – андархӯрад.
2. Л – Касе к-аз падар бинад ӯ хӯи бад,
Бигирад аз ӯ бадхуӣ, кай сазад?
3. ИЛ – гаштӣ.
4. Л – бо ромиш.
5. И – номаро.
6. И – Бузургиву дониш намоиш гирифт; Л –Бузургиву рояш намоиш гирифт.

www.sattor.com

Аз ӯ бод бар шоҳзода дуруд,
Худованди шамшеру кӯполу хӯд.

Худованди шарму худованди бок,
Зи бедод кардан дилу даст пок.

Шунидам паём аз карон то карон
Зи бедордил Зангаи Шоварон.

Ғамӣ шуд дилам, з-он ки шоҳи ҷаҳон
Чунин тира шуд бо ту андар ниҳон.

Валекин зи гетӣ ҷуз аз тоҷу[1] тахт
Чӣ ҷӯяд хирадманди бедорбахт?

Туро ин ҳама эдар оростаст,
Агар шаҳрёриву гар хостаст.

Ҳама шаҳри Турон барандат намоз,
Маро худ ба меҳри ту омад ниёз.

Ту фарзанд бошиву ман чун падар,
Падар[2] пеши фарзанд баста камар.

Чунон дон, ки Ковус бар ту ба меҳр
Бар ин гуна як рӯз накшод чеҳр.

Кучо ман кушоям*[3] дилу[4] ганҷу даст,
Супорам ба ту ҷойгоҳи нишаст.[5]

Бидорам-т беранҷ фарзандвор,
Ба гетӣ ту монӣ зи ман ёдгор.

Ту*[6] аз кишварам бигзарӣ, дар ҷаҳон
Никӯҳиш кунандам кеҳону меҳон.

1. Л –ному.
2. И –Бувам.
3. И –дари.
4. М –кушода.
5. Л –тоҷу тахти нишаст.
6. М –Чу.

www.sattor.com

В-аз ин рӯй душхор ёбӣ гузар,
Магар эзадӣ бошад оину фар.

Бад-ин роҳ пайдо набинӣ замин,
Гузар кард бояд ба дарёи Чин.

Агар кард Яздон туро бениёз
Ҳам эдар бипою[1] ба хубӣ бисоз.

Сипоҳу зару ганҷу шаҳр они туст,
Ба рафтан баҳона набояд-т ҷуст.

Чу рой оядат оштӣ бо падар,
Бисозам туро тоҷу тахту камар,

К-аз эдар ба Эрон шавӣ бо сипоҳ,
Ба дилсӯзагӣ бо ту оям ба роҳ.[2]

Намонад туро бо падар ҷанг дер,
Куҳан шуд магар гардад аз ҷанг сер.

Гар[3] оташ бубинад[4] паи шасту панҷ
Шавад оташ аз оби[5] пирӣ ба ранҷ.[6]

Туро бошад Эрону ганҷу сипоҳ,
Зи кишвар ба кишвар ба шоҳӣ кулоҳ.

Пазируфтам аз покяздон, ки ман
Бикӯшам ба хубӣ ба ҷону ба тан.

Нафармояму худ наёзам ба бад,[7]
Ба андешае дил насозам ба бад.[8]

Чу нома ба мӯҳр андаровард шоҳ,
Бифармуд, то Зангаи некхоҳ

---

1. ИЛ –бибошу.
2. Л –Набандам ба дилсӯзагӣ бар ту роҳ.
3. И –Ки.
4. Л –К-аз он пас набинад.
5. И –боди.
6. Л –Шавад тобаш аз оби тезӣ ба ранҷ.
7. И –набошам газанд.
8. И –Ба андеша дилро наёрам ба банд.

www.sattor.com

Ба зудӣ ба рафтан бубандад камар,
Басе хилъат орост бо[1] симу зар.

Яке аспи зарринситоми[2] гарон,
Биёмад дамон Зангаи Шоварон.

Чу наздики тахти Сиёвуш расид,
Бигуфт, он чӣ гуфтанду[3] диду[4] шунид.

Сиёвуш ба як рӯй аз он шод гашт,[5]
Ба як рӯй пурдарду фарёд гашт,[6]

Ки душман ҳаме дӯст боист кард
Зи оташ[7] куҷо бардамад боди сард.

Зи душман наёяд ба ҷуз[8] душманӣ,
Ба фарҷом ҳарчанд некӣ кунӣ.

СИПОҲ СУПУРДАНИ СИЁВУШ БА БАҲРОМ

Яке нома бинвишт назди падар,
Ҳама ёд кард андар ӯ дар ба дар,

Ки ман бо ҷавонӣ хирад ёфтам,
Зи кирдори бад рӯй бартофтам.[9]

Аз он оташи мағзи шоҳи ҷаҳон
Дили ман барафрӯхт[10] андар ниҳон.

Шабистони ӯ дарди ман шуд нахуст,
Ба хуни дилам рух бибоист шуст:

1. И –аз.
2. Л –аспу бар сар ситоме.
3. И –пурсиду.
4. Л –пурсиду гуфту.
5. Л –шуд.
6. Л –шуд.
7. Л –аз он пас.
8. ИЛ –магар.
9. Л –Ба ҳар неку бад тез наштофтам.
10. Л –бияфрӯхт.

www.sattor.com

Бибоист бар кӯҳи оташ гузашт,
Ба ман[1] зор бигрист оҳу ба дашт.

В-аз он нангу хорӣ ба ҷанг омадам,
Хиромон ба ҷанги наҳанг омадам.

Ду кишвар бар ин оштӣ шод гашт,
Дили шоҳ чун теғи пӯлод гашт.

Наёмад зи ман ҳеч кораш писанд,
Кушодан[2] ҳамону ҳамон низ[3] банд.

Чу[4] чашмаш зи дидори ман гашт сер,
Бари сергашта набошам далер.[5]

Зи шодӣ мабодо дили ӯ раҳо,
Шудам ман зи ғам дар дами аждаҳо.

Надонам, к-аз ин кор гардонсипеҳр
Чӣ дорад ба роз-андарун ҷангу меҳр.

В-аз он пас бифармуд Баҳромро,
Ки андар ҷаҳон тоза кун номро.

Супурдам туро рахту[6] пардасарой,
Ҳамон ганҷи огандаву тахту ҷой.

Дирафшу саворону ҳам пилу[7] кӯс
Чу ояд ба эдар сарафроз[8] Тус,

Чунин ҳам пазируфта ӯро супор,
Ту бедордил бошу беҳрӯзгор.

Зи лашкар гузин кард сесад савор,
Ҳама гурду шоистаи корзор.

1. Л –Маро.
2. Л –Кушода.
3. ЛМ –буд.
4. И –Ду.
5. И –набошем дер.
6. Л –тоҷу.
7. ИЛ –пилону.
8. Л –бад-ин ҷо сипаҳдор; И -сипаҳдор.

www.sattor.com

Дирам низ чандон, ки будаш ба кор
Зи динору аз гавҳари шоҳвор,

Сад аспи гузида ба зарринситом,
Парастори[1] зарринкамар сад ғулом

Бифармуд, то пеши ӯ оваранд,
Силеҳу сутуру*[2] камар бишмаранд.[3]

В-аз он пас гаронмоягонро бихонд,
Суханҳои боиста чанде биронд.

Чунин гуфт, к-«Аз назди Афросиёб
Гузаштаст Пирон аз он[4] рӯи об.

Яке роз пайғом дорад ба ман,
Ки эмин бад-ӯ бошад[5] он анҷуман.

Ҳаме созам акнун пазира шудан,
Шуморо ҳам эдар бибояд будан,

Ҳама сӯи Баҳром доред рӯй,
Мапечед дилҳо зи гуфтори ӯй».

Ҳама бӯса доданд гурдон замин
Ба пеши Сиёвахши[6] боофарин.

Чу хуршеди тобанда бинмуд пушт,
Ҳаво шуд сиёҳу замин шуд дурушт.

Сиёвахш[7] лашкар ба Ҷайҳун кашид,
Шуда з-оби[8] дида рухаш нопадид.

---

1. Л –Парастору.
2. М –ситаму.
3. Л –б. б. 1266 ин. Б. омада:
   Шутурбон зи ҳар чиз пур карда бор,
   Шутурҳои пурбору чандин қатор.
4. ИЛ –бар ин.
5. Л –бад-ӯяст.
6. И –фармони солори; Л –фармуди солори.
7. Л –Сиёвуш.
8. ИЛ –Аз оби ду.

www.sattor.com

Чу омад ба Тирмиз, дару блому кӯй
Ба сони баҳорон пур аз рангу бӯй.

Чунон ҳам нишон то дари шаҳри Чоҷ,[1]
Ту гуфтӣ арӯс аст[2] бо тавқу тоҷ.

Ба ҳар манзиле сохта х(в)арданӣ
Хуришҳову густарда густарданӣ.

Чунин то ба Қочорбошӣ[3] биронд,
Фуруд омад он ҷову чанде бимонд.

В-аз ин рӯ чу Тус андаромад ба Балх,
Бигуфтанд бо вай суханҳои талх,

Ки шуд пури фархунда Ковусшоҳ
Равон назди солори Туронсипоҳ.

Сипаҳро якояк ҳама боз хонд,
В-аз он ҷо ба даргоҳи Ковус ронд.

Аз ин огаҳӣ шуд рухи шоҳ зард,
Бинолиду барзад яке боди сард.

Шудаш дил пуроташ, ду дида пуроб
Зи хашми Сиёвушу Афросиёб,

Ки то чун шавад гашти гардосипеҳр,
Бувад чарх бо ӯ ба кин ё ба меҳр.

Дилу ҷангу кинро ба як сӯ ниҳод,
В-аз он пас накард ӯ зи пайкор ёд.

Пас огоҳӣ омад ба Афросиёб,
Ки омад Сиёвуш аз ин рӯи об.

Бад-ин марз лашкар фуруд оварид,
Фиристодаи ӯ ба даргаҳ расид.[4]

1. ИЛ –Чунон ҳам ҳама шаҳрҳо то ба Чоҷ.
2. Л –арӯсест.
3. ЛМ –Қафчоқтошӣ; И –Қаҳғорбошӣ.
4. ИЛ –б. 1279 -1287 нест.

www.sattor.com

Бифармуд ӯро пазира шудан,[1]
Ҳама саркашон бо табира шудан.[2]

Зи хешон гузин кард Пирон ҳазор
Пазира шуданро ҳама бо нисор.

1290 Сипаҳро ҳама дод яксар навид,
Биёросташ чор пили сапед.

Яке барниҳода зи пирӯза тахт,
Паси ӯ дурафше*[3] ба сони дарахт.

Сараш моҳи заррину бумаш[4] бунафш,
Ба зар бофта парниёни дурафш.

Або тахти заррин се курсӣ ба зар[5]
Ба дебо биёроста сар ба сар.

Сад аспи гаронмоя бо зини зар,
Ба зар-андарун чанд гуна гуҳар.

1295 Сипоҳе бар он сон, ки гуфтӣ сипеҳр
Биёрост рӯи заминро ба меҳр.[6]

Сиёвуш чу бишнид, к-омад сипоҳ,
Пазира шуданро биёрост роҳ.

Дурафши сипаҳдор Пирон[7] бидид,
Хурӯшидани пилу аспон шунид.

Бишуд тезу бигрифташ андар канор,
Бипурсидаш аз шаҳр в-аз шаҳрёр.

Бад-ӯ гуфт: «Эй паҳлавони сипоҳ,
Чаро ранҷа кардӣ равонро[8] ба роҳ.

1. ИЛ –Чу огоҳӣ омад, пазира шуданд.
2. ИЛ –шуданд.
3. М –дурафши дурафшон.
4. ИЛ –заррин ғилофаш.
5. ЛМ –се пили дигар.
6. ИЛ –б. 1294, 1295 нест.
7. ИЛ –сипаҳдори Турон.
8. Л –ту худро.

www.sattor.com

Ҳама бар дил андеша буд ин нахуст,
Ки бинад ду чашмам туро тандуруст».

Бибӯсид Пирон сару пои[1] ӯй,
Ҳамон хуб чеҳри дилорои ӯй.

Ҳаме гуфт бо кирдгори ҷаҳон,
«Ту огоҳӣ[2]*[3] аз ошкору ниҳон,

Маро гар ба хоб ин намудӣ равон,
Ҳамоно сари пир гаштӣ ҷавон.

Чу дидам туро равшану тандуруст,
Ниёиш кунам пеши Яздон нахуст.

Туро чун падар бошад Афросиёб,
Меҳон*[4] банда бошанд аз ин рӯи об.

Маро ҳаст*[5] пайваста беш аз ҳазор,
Парастандагонанд бо гӯшвор.

Ҳама ганҷи ман сар ба сар пеши туст,
Ту ҷовид шодондилу тандуруст.[6]

Ту бе коми дил ҳеч дам бармазан,
Туро банда бошад чи марду чи зан.

Маро гар пазирӣ ту бо пирсар,
Зи баҳри парастиш бубандам камар.»

Бирафтанд ҳар ду ба шодӣ ба ҳам,
Сухан ёд карданд аз[7] бешу кам.

Ҳама шаҳр аз овози чангу рубоб,
Ҳаме хуфтаро сар баромад[8] зи хоб.

---

1. Л –саропои.
2. И –Ки, эй огаҳ.
3. М –Ки эй довари.
4. М –Ҳама.
5. М –низ.
6. ИЛ –б. 1307 нест.
7. Л –бар.
8. Л –барояд.

www.sattor.com

Ҳама хок мушкин буд аз мушки тар,[1]
Ҳама тозиаспон[2] бароварда пар.

Сиёвуш чунон дид, об аз ду чашм
Бибориду з-андеша[3] омад ба хашм,

Ки ёд омадаш базми Зобулситон,
Биёроста то ба Кобулситон,

Ки омад ба меҳмонии пилтан
Шуда номдорон ҳама[4] анҷуман.

Басе зарру гавҳар ҳаме рехтанд,
Зи бар мушку анбар ҳаме бехтанд.

Ҳамон шаҳри Эронаш омад ба ёд,
Ҳаме баркашид аз ҷигар сард бод.

Аз Эрон дилаш ёд карду бисӯхт,
Ба кирдори оташ ҳаме[5] барфурӯхт.

Зи Пирон бипӯшиду печид рӯй
Сипаҳбад бидид он ғаму дарди ӯй.

Бидонист, к-ӯро чӣ омад ба ёд,
Ғамӣ гашту дандон ба лаб барниҳод.

Ба Қоҷорбошӣ[6] фуруд омаданд,
Нишастанду якбора дам барзаданд.

Нигаҳ кард Пирон ба дидори ӯй,
Ба суфту[7] бару ёлу гуфтори ӯй.

Бад-ӯ-дар ду чашмаш ҳаме хира монд,
Ҳаме ҳар замон номи Яздон бихонд.

---

1. ИЛ –мушку зар.
2. Л - Ҳаме.
3. ИЛ –Биборид в-аз душман.
4. Л –номдорони шаҳр; И –аз он.
5. И –рухаш.
6. И –қаҷғорбошӣ; И –Қафчортошӣ.
7. ИЛ –нишасту.

www.sattor.com

Чунин гуфт, к-« Эй номвар шаҳрёр,
Зи шоҳони гетӣ туӣ ёдгор.

Се чиз аст бо ту, ки андар ҷаҳон
Касеро набошад зи тухми меҳон:

Яке он ки аз тухмаи Кайқубод
Ҳаме аз ту гиранд гӯӣ нажод.

Ва дигар забоне бад-ин ростӣ,
Ба гуфтори некӯ биёростӣ.

Се дигар, ки гӯӣ ки аз чеҳри ту
Бибораð ҳаме бар замин меҳри ту.»[1]

Чунин дод посух Сиёвуш бад-ӯй,
Ки «Эй пири покизаву ростгӯй,

Ханида ба гетӣ ба меҳру вафо,
Зи[2] оҳарманӣ дуру дур аз ҷафо.

Гар эдун, ки бо ман ту паймон кунӣ,
Бидонам, ки паймони ман нашканӣ,

Бисозам бар ин бум оромгоҳ,
Ба меҳру вафои ту, эй некхоҳ,

Гар аз будан эдар маро некуист,
Бар ин кардаи худ набояд гирист.

В-агар нест, фармой то бугзарам,
Намоӣ раҳи кишвари дигарам.»

Бад-ӯ гуфт Пирон, ки «Мандеш аз ин,
Чу андаргузаштӣ[3] зи Эронзамин,

Магардон дил аз меҳри Афросиёб,
Макун хеч гуна ба рафтан шитоб,

---

1. ТПЗ – Ҳамон модарат хеши Гарсеваз аст,
Аз ин сӯву он сӯ туро парваз аст.
2. ИЛ – Аз.
3. Л –эдар.

www.sattor.com

Пароканда номаш ба гетӣ бадист,
Валекин ҷуз он аст,[1] мард эзадист.

Хирад дораду ҳушу рои баланд,
Ба хира натозад ба роҳи газанд.

Маро низ хешист бо ӯ ба хун,
Ҳамаш паҳлавонам, ҳамаш раҳнамун.

Маро назди ӯ обрӯясту ҷоҳ,
Фаровон маро ганҷу тахту сипоҳ.

Ҳамоно бар ин буму бар сад ҳазор,
Ба фармони ман беш бошад савор.

Даҳу ду ҳазорон ки хеши мананд,
Шабу рӯз бар пой[2] пеши мананд.

Ҳамам буму бар ҳаст, ҳам гӯсфанд,
Ҳам аспу силеҳу*[3] камону каманд.[4]

Нуҳуфта ҷуз ин низ дорам[5] басе,
Маро биниёзист аз ҳар касе.

Фидои ту бодо ҳама, ҳар чи ҳаст,
Гар эдар кунӣ ту ба шодӣ нишаст.

Пазируфтам аз пок Яздон туро,
Парастиш кунам аз дилу ҷон туро.[6]

1. ИЛ –ин асту.
2. Л –Чу хоҳам шабу рӯз.
3. М – Ва аспону ганҷу.
4. И –б. 1342, 1343 нест.
5. ИЛ – ҳастам.
6. ТПЗЛ –ба ҷои б. 1346 ин ду б. омада:

Пазируфтам акнун зи Яздон туро
Ба рою дили хушмандон туро.
Пазируфтам аз пок Яздон, ки ман
Парастанда бошам ба ҷону ба тан.

www.sattor.com

Намонам, ки ёбӣ[1] зи бадҳо газанд,
Надонад касе рози чархи баланд.»

Сиёвуш бар он гуфтаҳо шод гашт,
Равонаш аз андеша[2] озод гашт.

Ба хӯрдан нишастанд бо якдигар,
Сиёвуш писар гашту Пирон падар.

1350 Бирафтанд бо хандаву шодмон,
Ба раҳ-бар наҷустанд ҷое замон.

Чунин то расиданд наздики[3] Ганг,
Ки он буд хуррамсарои[4] диранг.

ДИДАНИ СИЁВУШ АФРОСИЁБРО

Чу шуд назди Афросиёб огаҳӣ,
Ки омад Сиёвахш бо фарраҳӣ,[5]

Пиёда ба кӯй омад Афросиёб,
Аз айвон миёнбаставу пуршитоб.

Сиёвуш чу ӯро пиёда бидид,
Фуруд омад аз аспу пешаш давид.

1355 Гирифтанд мар якдигарро ба бар,
Ҳаме[6] бӯса доданд бар чашму сар.[7]

1. И –Ки бар ту наёяд;
ТПЗИЛ -Магар к-аз ту ошӯб хезад ба шаҳр,
Баромезӣ* аз дур тарёку заҳр.
* ИЛ -Биёмезӣ
2. Л –Бирафрӯхт з-андеша.
3. ТПЗ – Ҷаҳон дид сар то сар ороста,
Чу бутхонаи Чин пур аз хоста.
4. И – биҳишти.
5. ИЛ –б. 1352 нест.
6. ИЛ –Басе.
7. ИЛ –б. б. 1355 ин б. омада:
Бирафтанд бо хандаву шодмон
Гирифта ҳаме дасти якдигарон.

www.sattor.com

Аз он пас чунин гуфт Афросиёб,
Ки «Бад дар ҷаҳон андаромад[1] ба хоб.

Аз ин пас на ошӯб хезад, на ҷанг
Ба обишхӯр ояд гавазну[2] паланг.

Барошуфт гетӣ зи Тури далер,
Кунун рӯи кишвар шуд аз ҷанг сер.

Ду кишвар ҳамеша пур аз шӯр*[3] буд,
Ҷаҳонро дил аз оштӣ дур[4] буд.

1360 Ба ту ром гардад замона кунун,
Баросояд аз ҷанг в-аз ҷӯши хун.

Кунун шаҳри Турон туро бандаанд,
Ҳама дил ба меҳри ту огандаанд.

Маро то тану ҷон ҳама пеши туст,
Сипаҳдор Пирон[5] ба тан хеши туст.

Падарвор пеши ту меҳр оварам,*[6]
Ҳамеша пур аз ханда чеҳр оварам.»[7]*[8]

Сиёвуш бад-ӯ офарин кард сахт,
Ки «Аз гавҳари ту магардод бахт!»

1365 Сипос аз Худованди ҷонофарин,
К-аз ӯяст орому пархошу кин.

Сипаҳдор дасти Сиёвуш ба даст
Биёмад ба тахти меҳӣ барнишаст.[9]

1. Л –аз ҷаҳон эдар омад.
2. ИЛМ –оянд мешу.
3. М –Ҳамасола пуршӯр.
4. Л –кӯр
5. ЛМ – Сипаҳбад ба ҷону.
6. М –оварад.
7. ТПЗЛ – Ҳама* ганҷ бе ранҷ дар пеши туст,
Ҳама шодмонӣ ба кам - беши туст**.
* Л –Дари; ** Л –Ҳамеша ҷавон бодию тандуруст!
8. М –Ба хандон ҳаме низ чеҳр оварад.
9. ТПЗ – Ки дидам туро хурраму шоддил,
Зи банди ғамон гашта озоддил.

www.sattor.com

Ба рӯи Сиёвуш нигаҳ карду гуфт,
Ки «Инро ба гетӣ наёбанд ҷуфт.

На з-ин[1] гуна мардум бувад дар ҷаҳон
Чунин рӯю болову фарри меҳон.»

В-аз он пас ба Пирон чунин гуфт рад,[2]
Ки «Ковус пир асту андакхирад,

1370 Ки бишкебад аз рӯи чунин писар,
Бад-ин[3] бурзу болову чандин ҳунар.

Маро дида чун дид дидори ӯй,
Бимонда дилам хира дар кори ӯй,

Ки фарзанд бошад касеро чунин,
Ду дида бигардонад андар замин.»

Зи айвонҳо пас[4] яке баргузид,
Ҳама[5] кох зарбафтро[6] густарид.

Яке тахти заррин ниҳоданд пеш,
Ҳама пояҳо чун сари говмеш.

1375 Ба дебои чинӣ биёростанд,
Зи ҳар гунае созҳо хостанд.

Бифармуд пас,*[7] то равад сӯи кох,
Бибошад ба кому нишинад фарох,

Сиёвуш чу дар пеши айвон расид,
Сари тоқи айвон ба кайвон расид.

1. ИЛ –Бар ин.
2. ИЛ Чунин гуфт Пирони рад.
3. ИЛ –Чунин.
4. Л –айвонҳояш.
5. Л –Ҳаме.
6. Л –зарбафтҳо.
7. М –шаҳ то дар он гоҳу.

www.sattor.com

Биёмад,*[1] бар он тахти заррин нишаст,
Ҳушивор ҷон андар андеша баст.

Чу хони сипаҳбад биёростанд,
Кас омад, Сиёвахшро хостанд.[2]

Зи ҳар гунае рафт бо ӯ сухун,
Ҳама шодмонӣ фиканданд бун.

Чу аз хони солор бархостанд,
Нишастангаҳи май биёростанд.[3]

Бирафтанд бо руду ромишгарон,
Ба бода нишастанд яксар сарон.

Бихӯрданд май, то ҷаҳон тира гашт,
Сари майгусорон зи май хира гашт.

Сиёвуш ба айвон хиромид шод,
Ба*[4] мастӣ зи Эрон наёмад-ш ёд.

Бад-ӯ дод ҷону дил Афросиёб,
Ҳаме бо Сиёвуш наёмад-ш хоб.

В-аз он пас ҳамон шаб бифармуд шоҳ,
Бад-он кас, ки буданд дар базмгоҳ.

Чунин гуфт бо Шеда Афросиёб,
Ки «Чун сар барорад Сиёвуш зи хоб,

Ту бо паҳлавонону хешони ман,
Касе к-ӯ бувад меҳтари анҷуман,

Ба шабгир бо ҳадяву бо ғулом,
Гаронмоя аспони зарринситом

1. М –Баромад.
2. И –Фаровон парастандагон хостанд; И –б. 1376 -1379 нест.
3. Л –маҷлис оростанд.
4. М –Зи.

www.sattor.com

Саросар ба кохи Сиёвуш равед,
Ҳушивору бедору хомуш[1] равед.

Зи лашкар ҳаме ҳар касе бо нисор,
Зи динор в-аз гавҳари шоҳвор

Бад-ин гуна-бар ҳадяҳо сохтанд,
Ба пешаш ниҳоданду бинвохтанд.[2]

Фаровон сипаҳбад фиристод чиз,
Аз*[3] ин гуна як ҳафта бугзашт низ.

ҲУНАР НАМУДАНИ СИЁВУШ ПЕШИ АФРОСИЁБ

Шабе бо Сиёвуш чунин гуфт шоҳ,
Ки «Фардо бисозем ҳар ду пагоҳ.

Або гӯю чавгон ба майдон шавем,
Замоне битозему[4] хандон шавем.

Зи ҳар кас шунидам, ки чавгони ту
Набинанд гурдон ба майдони ту.»

Бад-ӯ гуфт: «Шоҳо, анӯша будӣ,
Ҳамеша зи ту дур дасти бадӣ![5]

Ҳаме аз ту ҷӯянд[6] шоҳон ҳунар,
Кӣ ёбад ба ҳар кор бар[7] ту гузар?

Маро рӯз равшан ба дидори туст,
Ҳама[8] аз ту хоҳам баду нек ҷуст.»

---

1. ИЛ –б. 1390 нест.
2. ИЛ – Ва ин* гуна пеши Сиёвуш баранд,
   Ҳушивору бедору хомуш баранд.

   * И –Барин.
3. М –В-аз.
4. ИЛМ –бибозему.
5. ИЛ –Равонро ба дидор тӯша будӣ.
6. Ҳама аз ту ҷӯянд.
7. И –аз.
8. ИЛМ –Ҳаме.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт Афросиёб: «Эй писар,
Ҳамеша будӣ шоду пирӯзгар.[1]

Ту фарзанди шоҳиву[2] зебои гоҳ,
Ту тоҷи каёниву пушти сипоҳ[3].

Ба шабгир гурдон ба майдон шуданд,
Гурозону[4] бо рӯи*[5] хандон шуданд.

Чунин гуфт пас шоҳи Турон бад-ӯй,
Ки «Ёрон гузинем дар захми гӯй.

Ту бошӣ аз ин рӯю он рӯй ман,
Ба ду нима ҳам з-ин нишон[6] анҷуман.»

Сиёвуш чунин гуфт бо шаҳрёр,
Ки «Кай бошадам дасту чавгон ба кор,

Баробар наёрам задан бо ту гӯй,
Ба майдон ҳамоварди дигар биҷӯй.

Азеро, ки ҳамроҳу ёри туем,[7]
Бар ин паҳнмайдон савори туем.[8]

Сипаҳбад зи гуфтори ӯ шод шуд,
Сухан гуфтани ҳар касе бод шуд.

Ба ҷону сари шоҳ Ковус гуфт,
Ки «Бо ман ту бошӣ[9] ҳамоварду ҷуфт.

---

1. И –б. 1400 нест.
   Л – Ба посух чунин гуфт Афросиёб,
   Ки аз шодмонӣ рухат барматоб.
2. Л –моиву; И –ту ҳарри ҳумоию.
3. Л –б. б. 1401 ин б. омада:
   Ба шабгир, к-аз хоб бархостанд,
   Ҳама рӯи майдон биёростанд.
4. Л –Ҳама пок.
5. М –тозону.
6. Л –гардонам ин.
7. Л –Гар астам сазовор, ёри туам.
8. Л –туам.
9. Л –ман бо ту бошам.

www.sattor.com

Ҳунар кун ба пеши саворон падид,
Бад-ӯ то нагӯянд, к-ӯ бад гузид.

Кунанд офарин бар ту мардони ман,
Шукуфта шавад рӯи хандони ман».

Сиёвуш бад-ӯ гуфт: «Фармон туրост,
Саворону майдону чавгон туրост.

Сипаҳбад гузин кард Гулбодро,
Чу Гарсевазу[1] Ҷаҳну Пӯлодро.

Чу Пирону Настеҳани ҷангҷӯй,
Чу Ҳумон, ки бардоштӣ з-об гӯй,

Ба назди Сиёвуш фиристод ёр
Чу Рӯину чун Шедаи номдор.[2]

Дигар Андаремон савори далер,
Чу Арҷосп аспафкани наррашер.

Сиёвуш чунин*[3] гуфт, к-«Эй номҷӯй,
Аз эшон кӣ ёрад шудан пеши[4] гӯй?

Ҳама ёри шоҳанд, танҳо манам,
Нигаҳбони чавгони инҳо*[5] манам.

Гар эдун, ки фармон диҳад шаҳрёр,
Биёрам аз[6] Эрон ба майдон савор.

Маро ёр бошанд дар захми гӯй,
Бар он сон, ки оин бувад бар ду рӯй.»

Сипаҳбад чу бишнид аз ӯ достон,
Бад-он достон гашт ҳамдостон.

1. ИЛ –Гаршеваз.
2. ИЛ –б. 1415 нест.
3. М –бад-ӯ.
4. Л –назди.
5. М –танҳо.
6. Л –Зи.

www.sattor.com

Сиёвахш[1] аз Эрониён ҳафт мард,
Гузин кард шоиста андар набард.

Хурӯши табира зи майдон бихост,
Ҳаме хок бо осмон гашт рост.

Аз овози санҷу дами каррной
Ту гуфтӣ, биҷунбид майдон зи ҷой.[2]

Сипаҳдор гӯе зи майдон[3] бизад,
Ба абр андаромад, чунон чун сазад.

Сиёвуш барангехт аспи набард,
Чу гӯй андаромад, наҳишташ ба гард.

Бизад ҳамчунон, то ба майдон расид,
Бар он сон, ки аз чашм шуд нопадид.

Бифармуд пас шаҳрёри баланд,
Ки гӯе ба назди Сиёвуш баранд.

Сиёвуш бар он гӯй бардод бӯс,
Баромад хурӯшидани ною кӯс.

Сиёвуш ба аспи дигар барнишаст,
Бияндохт он гӯй лахте зи даст.

Пас он гаҳ[4] ба ҷавгон бар ӯ кор кард,
Чунон шуд, ки бо моҳ дидор кард.

Зи чавгони ӯ гӯй шуд нопадид,
Ту гуфтӣ сипеҳраш ҳаме баркашид.

Ба майдон яке мард чунон[5] набуд,
Касеро чун он рӯи хандон набуд.

1. ИЛ –Сиёвуш.
2. ТПЗ – Фиканданд гӯе ба майдони шоҳ,
Баромад хурӯши далерон ба моҳ.
3. ИЛ –боло.
4. ИЛ –таки асп чандон.
5. И –Сиёвуш чу; Л –Сиёвуш.

www.sattor.com

Аз он гӯй хандон шуд Афросиёб,
Сари номдорон баромад зи хоб.

Ба овоз гуфтанд, ҳаргиз савор
Надидем бар зин чунин номдор.

Каи номвар гуфт: «Аз ин сон бувад
Ҳар он кас,*[1] ки бо фарри Яздон бувад.»

Зи хубиву дидору фарру ҳунар
Бидонам, ки дидан-ш беш аз хабар.

Зи майдон ба як сӯ ниҳоданд гоҳ,
Биёмад, нишаст аз бари гоҳ шоҳ.

Сиёвахш[2] биншаст бо ӯ ба тахт,
Ба дидори ӯ шод шуд шоҳ сахт.

Ба лашкар чунин гуфт пас номҷӯй,
Ки «Акнун шуморост майдону гӯй.»[3]

Ҳаме сохтанд он ду лашкар набард,
Ҳаме то баромад ба хуршед гард.

Аз ин сӯю з-он сӯй бо гуфтугӯй
Ҳамон[4] он аз ин, ин аз он бурд гӯй.[5]

Чу туркон ба тундӣ биёростанд,
Ҳаме бурдани гӯйро хостанд,[6]

Сиёвуш ғамӣ гашт аз эрониён,
Сухан гуфт бо паҳлавонӣ забон,

Ки «Майдони бозист, ё корзор
Бар ин бахшишу гардиши рӯзгор.

1. М – Касеро.
2. И –В-аз он пас.
3. ИЛМ –Ки «Майдон шуморову чавгону гӯй.
4. Л – Ҳаме.
5. И – б. 1142 нест.
6. ТПЗ – Рабуданд эрониён гӯй пеш,
Бимонанд туркон зи кирдори хеш.

www.sattor.com

Чу майдон сар омад, битобед рӯй,
Ба туркон супоред якбора гӯй.»

Саворон инонҳо бикарданд нарм,
Накарданд аз он пас касе асп гарм.

Яке гӯй туркон бияндохтанд,
К-аз андохтан сар барафрохтанд.[1]

Сипаҳдори туркон чу ово шунуд,
Бидонист, к-он паҳлавонӣ чӣ буд.

Чунин гуфт пас шоҳи туронсипоҳ,
Ки «Гуфтаст бо ман яке некхоҳ,

Ки ӯро ба гетӣ касе нест ҷуфт
Ба тиру камону бару ёлу суфт.»

Сиёвуш чу гуфтори меҳтар шунид,
Зи қирбон[2] камони каӣ[3] баркашид.

Сипаҳбад камон хост, то бингарад,
Яке баргирояд, ки фармон барад.

Камонро нигаҳ[4] кард, хира бимонд,
Басе офарини каёнӣ[5] бихонд.

Ба Гарсевази теғзан дод меҳ,
Ки хона бимолу баровар[6] ба зеҳ.

Бикӯшид, то бар зеҳ орад камон,
Наёмад ба зеҳ, хира шуд бадгумон.

Аз ӯ шоҳ бистад, ба зону нишаст,
Бимолид хонай камонро ба даст.

---

1. ИМ – Ба кирдори оташ ҳаме тохтанд.
2. И – таркаш.
3. Л – каён.
4. И –ба зеҳ.
5. Л –офарин бар бузургон.
6. Л –даровар.

www.sattor.com

Ба зеҳ кард хандон чунин гуфт шоҳ:
«Тавон зад аз ин тир бар чарху моҳ.

Маро низ рӯзи[1] ҷавонӣ камон
Чунин буду акнун дигар шуд замон.

Ба Эрону Турон кас инро[2] ба ҷанг
Наёрад гирифтан ба ҳангоми ҷанг.[3]

Бару ёлу китфи Сиёвуш ҷуз ин
Нахоҳад ҳаме[4] низ бар пушти зин.

Нишона ниҳоданд бар аспрес,
Сиёвуш накард эч бо кас мукес.

Нишаст аз бари бодпое чу[5] дев,
Бияфшурд рону баромад ғирев.

Яке тир зад бар миёни нишон,
Ниҳода бар ӯ чашм гарданкашон.

Хаданге дигарбора*[6] ҳам чор пар
Ба чарх-андарун ронду[7] букшод бар.

Нишона дубора ба як тохтан
Муғарбал бибуд андар андохтан.

Инонро бупечид бар дасти рост,
Бизад бори дигар бар он сон, ки хост.

Камонро ба зеҳ-бар ба бозу фиканд,
Биёмад бари шаҳрёри баланд.

---

1. ИЛ –гоҳи.
2. Л –касе ин.
3. ТПЗИ – Магар паҳлавон Рустами пилтан,*
Ки созад ҳаме разм бо Аҳриман.**
* И –Ҷуз аз Таҳмтан он гави пилтан. **И –анҷуман.
4. И –камон.
5. И –аспи монанди.
6. М –дигар бор.
7. И –Биёндохт озоду.

www.sattor.com

Фуруд омаду шоҳ бар пой хост,
Хунар гуфт, бар гавҳарат- бар гувост.[1]

В-аз он ҷойгаҳ сӯи кохи баланд
Бирафтанд шодондилу арҷманд.

Нишастанду хони май оростанд,
Сазовор ромишгарон хостанд.[2]

Мае[3] чанд хӯрданду гаштанд шод,
Ба номи Сиёвуш гирифтанд ёд.

Ба хон-бар[4] яке хилъат орост шоҳ,
Зи аспу ситому зи тахту кулоҳ.

Ҳамон пӯшиш аз ҷомаи нобурид,
Ки андар ҷаҳон ончунон[5] кас надид.

Зи дидору аз бадраҳои дирам,
Зи ёқуту пирӯза аз[6] бешу кам.

Парастор чандину[7] чандин[8] ғулом,
Яке пур зи ёқут рахшанда ҷом.

Бифармуд, то хоста бишмаранд,
Ҳама сӯи кохи Сиёвуш баранд.

Зи ҳар к-аш ба Туронзамин хеш буд,
Варо меҳрбонӣ бад-ӯ беш буд,[9]

Бигуфташ якояк ҳама хоста
Биёранду хонҳои ороста.[10]

---

1. И –Бар ӯ офарин з-офаринанда хост.
2. И –Касе к-аз сазо буд, биншохтанд.
3. Л –Ҳаме.
4. И –хубӣ.
5. ИЛ –пеш аз он.
6. Л –бар.
7. Л –чандешу; И –бисёру.
8. Ил –чанде.
9. Л –б. б. 1478 ин б. омада:
   Сипаҳдор рӯзе Сиёвушро
   Ҳамон мояи донишу ҳушро.
10. И –б. 1479 нест.

www.sattor.com

Чунин гуфт он гаҳ ба лашкар ҳама,
Ки бошед ӯро ба ҷумла рама.[1]

РАФТАНИ АФРОСИЁБ ВА СИЁВУШ БА ШИКОР

Бад-он шоҳзода чунин гуфт шоҳ,
Ки «Як рӯз бо ман ба нахчиргоҳ

Биё, то ки дил шоду хуррам кунем,
Равонро ба нахчир беғам кунем.

Бад-ӯ гуфт: «Ҳар гаҳ ки рой оядат,
Бад-он сӯ, ки дил раҳнамой оядат.»

Бирафтанд рӯзе ба нахчиргоҳ,
Ҳаме рафт бо бозу бо юз шоҳ.

Сипоҳе зи ҳар гуна бо ӯ бирафт
Аз Эрону Турон ба нахчир тафт.

Сиёвуш ба дашт-андарун гӯр дид,
Чу бод аз миёни сипаҳ бардамид.

Сабук шуд инону гарон шуд рикеб,
Ҳаме тохт андар фарозу нишеб.

Якеро ба шамшер зад бар ду ним,
Ду дасташ тарозу шуду гӯр сим.

Ба як ҷав зи як сӯ гаронтар набуд,
Назора шуд он лашкару шоҳ зуд.[2]

Бигуфтанд яксар ҳама анҷуман,
Ки инат сарафрозу шамшерзан.

Ба овоз гуфтанд бо якдигар,
Ки моро бад омад аз Эрон ба сар.

1. Л –б. 1479, 1480 нест.
2. Л-б. 1489 нест.

www.sattor.com

Набардасарон[1] андаромад ба нанг,
Сазад, гар бисозем бо шоҳ ҷанг.[2]

Ба ғору ба кӯҳу ба ҳомун битохт,
Ба шамшеру тиру ба найза бисохт.

Ба ҳар ҷойгаҳ-бар яке тӯда кард.
Сипаҳро ба нахчир осуда кард.

1495 В-аз он ҷойгаҳ сӯи айвони шоҳ
Ҳама шоддил баргирифтанд роҳ.

Сипаҳбад чи шодон будӣ, чи дижам,
Ба ҷуз бо Сиёвуш набудӣ ба ҳам.

Зи Ҷаҳну зи Гарсевазу[3] ҳар кӣ буд,
Ба кас роз накшоду шодон набуд.

Магар бо Сиёвуш будӣ рӯзу шаб,
Аз ӯ баркушодӣ ба ханда ду лаб.

Бар ин гуна як сол бугзоштанд,
Ғаму шодмонӣ ба ҳам доштанд.

БА ЗАНӢ ДОДАНИ ПИРОН ДУХТАРИ ХУДРО БА СИЁВУШ

1500 Сиёвуш яке рӯзу Пирон ба ҳам
Нишастанду гуфтанд бар бешу кам.

Бад-ӯ[4] гуфт Пирон, к-«Аз ин буму бар
Чуноне ки бошад касе баргузар.

Аз ин меҳрубонӣ, ки бар туст шоҳ,
Ба номи ту хуспад ба оромгоҳ.

---

1. ЛМ –Ки номи сарон; И –Сари саркашон.
2. ТПЗ – Сиёвуш ҳамедун ба нахчиру гӯр
Ҳаме тохт, афканд бар дашт шӯр.
3. ИЛ –Гаршеваз.
4. И –Чунин.

www.sattor.com

Чунон дон, ки хуррамбаҳораш туӣ,
Нигораш туӣ, ғамгусораш туӣ.

Бузургиву фарзанди Ковусшоҳ,
Сар аз бас ҳунарҳо кашида[1] ба моҳ.[2]

Падар пир гашту[3] ту барнодилӣ,
Нигар, то[4] зи тоҷи каӣ нагсилӣ.

Ба Эрону Турон туӣ шаҳрёр,
Зи шоҳон яке пурҳунар ёдгор.

Набинанд пайвастаи хун касе
Куҷо дорадӣ меҳр бар ту басе.[5]

Зи Турон сазовору ҳамбози ту
Наёбам касе низ дамсози ту.[6]

Бародар надорӣ, на хоҳар, на зан,
Ту шохи гулӣ бар канори чаман.

Яке зан нигаҳ кун сазовори хеш,
Аз Эрон[7] бинеҳ дарду тимори хеш.

Пас аз марги Ковус Эрон турост,
Ҳамон тоҷу[8] тахти далерон турост.

Паси пардаи шаҳрёри ҷаҳон
Се моҳ аст бо зевар андар ниҳон,

Ки гар моҳро дида будӣ ба роҳ,
Аз эшон набардоштӣ дида моҳ.

---

1. Л –расида.
2. И –б. 1506 нест.
3. И –гашта.
4. И –Ту ҳаргиз.
5. Л –б. 1508 нест.
6. И –б. 1509 нест.
7. Л –Аз ин сон.
8. И –ганҷу.

www.sattor.com

Се андар шабистони Гарсевазанд,[1]
Ки аз мому аз боб бо[2] парвазанд.

Наберай Фаридуну пайванди шоҳ,
Ки ҳам тоҷ*[3] доранду ҳам ҷойгоҳ.[4]*[5]

Паси пардаи ман чаҳоранд хурд,
Чу бояд туро, банда бояд шумурд.

Аз эшон Ҷарира-аст меҳтар ба сол,
Ки аз хубрӯён надорад ҳамол.

Агар рой бошад, туро бандаест,
Ба пеши ту - андар парастандаест»

Сиёвуш бад-ӯ гуфт: «Дорам сипос,
Маро ҳамчу фарзанди худ мешинос.

Зи хоби Ҷарира маро дарх(в)ар аст,
Ки пайвандам аз хони ту беҳтар аст.

Маро ӯ бувад нозиши ҷону тан,
Нахоҳам ҷуз ӯ кас аз ин анҷуман.

Сипосе ниҳодӣ аз ин бар сарам,
Ки то зиндаам, ҳаққи он наспарам.»

Чу Пирон зи назди Сиёвуш бирафт,
Ба наздики Гулшаҳр тозид тафт.[6]

Бад-ӯ гуфт: «Кори Ҷарира бисоз
Ба фарри Сиёвахши[7] гарданфароз.

---

1. ИЛ –Гашевазанд.
2. И –бар.
3. М –зеб.
4. ТПЗ – Бад-эшон нигаҳ кун, дилат раҳнамун
   Ки пайвастаи шоҳ гардӣ ба хун.
5. М –тоҷу гоҳ.
6. ТПЗ – Бипурсид Гулшаҳр, к-«Эй номҷӯй,
   Чарой ту шодон бад-ин сон, бигӯй!»
   Бад-ӯ гуфт Пирон, ки «Эй некзан
   Шудастам сарафроз бар анҷуман».
7. Л –Сиёвуш.

www.sattor.com

Чигуна набошем имрӯз шод,
Ки домоди мо шуд наберай[1] Қубод».

Биёвард Гулшаҳр духтаршро,
Ниҳод аз бари торак афсаршро.

Ба дебову динору зарру дирам,
Ба рангу ба бӯю ба бешу ба кам,

Биёрост ӯро чу хуррамбаҳор,
Фиристод наздикии[2] шаҳрёр.

Мар ӯро бипайваст бо шоҳи нав,
Нишонд аз бари гоҳ чун[3] моҳи*[4] нав.[5]

Надонист кас ганҷи ӯро шумор,
Ҳамон тахти заррини гавҳарнигор.

Сиёвуш чу рӯи Ҷарира бидид,
Хуш омад-ш, хандиду шодӣ гузид.

Ҳаме буд бо ӯ шабу рӯз шод,
Наёмад зи Ковус бар дил-ш ёд.

Бар ин низ чанде бигардид чарх,
Сиёвахшро буд зи ҳар кор барх.

Варо ҳар замон пеши Афросиёб
Фузунтар будӣ ҳашмату ҷоҳу об.

---

1. И – набери.
2. И –дар шаб бари.
3. И – Фиристод ӯро.
4. М –Фиристод ӯро сӯи гоҳи.
5. Л - Фиристод ӯро сӯи гоҳи нав.

www.sattor.com

М У Н Д А Р И Ҷ А

ФЕҲРИСТИ ФУСУЛИ ҶИЛДИ ДУВУМ

Овардани Рустам Кайқубодро аз кӯҳи Албурз 5

Кайқубод. *Подшоҳии ӯ сад сол буд* 15
Ҷанги Рустам бо Афросиёб 18
Омадани Афросиёб наздики падари худ 25
Оштӣ хостани Пашанг аз Кайқубод 30
Омадани Кайқубод ба Истахри Порс 36

Кайковус. *Подшоҳии ӯ саду панҷоҳ сол буд* 39
Бар тахт нишастани Кайковус ва оҳанги Мозандарон кардан 39
Панд додани Зол Ковусро 48
Рафтани Ковус ба Мозандарон 54

Ҳафт хони Рустам
Хони аввал 67
Ҷанги Рахш бо шере 67
Хони дувум 70
Ёфтани Рустам чашмаи об 70
Хони савум 74
Ҷанги Рустам бо аждаҳо 74
Хони чаҳорум 78
Куштани Рустам зани ҷодуро 78
Хони панҷум 81
Гирифтор шудани Авлод ба дасти Рустам 81
Хони шашум 90
Ҷанги Рустам ва Аржангдев 90
Хони ҳафтум 95
Куштани Рустам Деви сапедро 95
Нома навиштани Ковус наздики шоҳи Мозандарон 103
Омадани Рустам наздики шоҳи Мозандарон ба пайғамбарӣ 109
Ҷанги Ковус бо шоҳи Мозандарон 117
Боз омадани Ковус ба Эронзамин ва гусел кардан Рустамро ба Нимрӯз.. 130

www.sattor.com

Кори Кайковус ба шаҳри Барбаристон ва дигар достонҳо

Размкардани Рустам бо шоҳи Ҳомоварон 134
Ба занӣ хостани Ковус Судоба - духтари шоҳи Ҳомоваронро 141
Гирифтани шоҳи Ҳомоварон Ковусро 146
Тохт кардани Афросиёб бар Эронзамин 150
Паём фиристодани Рустам ба назди шоҳи Ҳомоварон 154
Размкардани Рустам бо се шоҳ ва раҳо шудани Ковус аз банд 161
Пайғом фиристодани Ковус ба наздики қайсари Рум ва Афросиёб 166
Гумроҳ кардани иблис Ковусро ва ба осмон рафтани Ковус 176
Боз овардани Рустам Ковусро 188
Достони ҷанги ҳафт гурдон 184
Разми Рустам бо туррониён 192
Разми Пилсам бо эрониён 198
Гурехтани Афросиёб аз размгоҳ 205

Сӯҳроб

Оғози достони Сӯҳроб 208
Омадани Рустам ба нахчиргоҳ 210
Омадани Рустам ба шаҳри Самангон 213
Омадани Таҳмина - духтари шоҳи Самангон ба назди Рустам 215
Зодани Сӯҳроб аз модараш Таҳмина 220
Гузидани Сӯҳроб аспро 224
Фиристодани Афросиёб Бормон ва Ҳумонро ба назди Сӯҳроб 227
Расидани Сӯҳроб ба дижи Сапед 231
Разми Сӯҳроб бо Гурдофарид 233
Номаи Гаждаҳам ба наздики Ковус 241
Гирифтани Сӯҳроб дижи Сапедро 244
Номаи Ковус ба Рустам ва хондани ӯ аз Зобулистон 248
Хашм гирифтани Ковус бар Рустам 256
Лашкар кашидани Ковус бо Рустам 267
Куштани Рустам Жандаразмро 270
Пурсидани Сӯҳроб номи сардорони Эрон аз Ҳаҷир 275
Тохтани Сӯҳроб бар лашкари Ковус 287
Разми Рустам бо Сӯҳроб 293
Бозгаштани Рустам ва Сӯҳроб ба лашкаргоҳ 297
Афкандани Сӯҳроб Рустамро 305
Кушта шудани Сӯҳроб аз Рустам 313
Нӯшдору хостани Рустам аз Ковус 323
Зорӣ кардани Рустам бар Сӯҳроб 325
Бозгаштани Рустам ба Зобулистон 331
Огоҳӣ ёфтани модар аз кушта шудани Сӯҳроб 335

Достони Сиёвуш

Оғози достон

Достони модари Сиёвуш 343
Зодани Сиёвуш аз модар 347

www.sattor.com

Боз омадани Сиёвуш аз Зобулистон 350
Вафот ёфтани модари Сиёвуш 353
Ошиқ шудани Судоба бар Сиёвуш 354
Омадани Сиёвуш ба назди Судоба 358
Омадани Сиёвуш бори дувум ба шабистон 364
Рафтани Сиёвуш бори севум дар шабистон 370
Фиреб додани Судоба Ковусро 372
Чора сохтани Судоба ва зани ҷоду 376
Пурсидани Ковус кори бачагонро 378
Гузаштани Сиёвуш бар оташ 384
Бахши ҷони Судоба хостани Сиёвуш аз падар 389
Огоҳӣ ёфтани Ковус аз омадани Афросиёб 393
Лашкар кашидани Сиёвуш 356
Номаи Сиёвуш ба Ковус 400
Посухи номаи Сиёвуш аз Кайковус 402
Хоб дидани Афросиёб ва тарсидан 405
Пурсидани Афросиёб мӯбадонро аз хоб 408
Рой задани Афросиёб бо меҳтарон 412
Омадани Гарсеваз назди Сиёвуш 415
Паймон кардани Сиёвуш бо Афросиёб 419
Фиристодани Сиёвуш Рустамро ба назди Ковус 422
Фиристодани Ковус Рустамро ба Систон 430
Посухи номаи Сиёвуш аз Ковус 431
Рой задани Сиёвуш бо Баҳром ва Занга 435
Рафтани Занга пеши Афросиёб 443
Номаи Сиёвуш ба Афросиёб 447
Сипоҳ супурдани Сиёвуш ба Баҳром 450
Дидани Сиёвуш Афросиёбро 459
Ҳунар намудани Сиёвуш пеши Афросиёб 463
Рафтани Афросиёб ва Сиёвуш ба шикор 471
Ба занӣ додани Пирон духтари худро ба Сиёвуш 472

www.sattor.com

АБУЛҚОСИМ
ФИРДАВСӢ

ШОҲНОМА

Ҷилди III

ДУШАНБЕ,
«АДИБ»
2008

www.sattor.com

ББК 83,3(0)9+83,3 (2 тоҷик)
А-19

Таҳияи матн ва луғату тавзеҳот аз
КАМОЛ АЙНӢ** ва **ЗОҲИР АҲРОРӢ

Муҳаррир
Мубашшир Акбарзод

А-19 ***Абулқосим Фирдавсӣ*. Шоҳнома**. — Душанбе: «Адиб», 2008. -480 саҳ.

Ба хонандаи азиз чопи севуми "Шоҳнома"-и безаволи Ҳаким Фирдавсӣ, ки бо кӯшиши таҳиягарони матни он омода гаштааст, пешкаш мегардад. Муҳаққиқон дар ин нашр аз нусхаҳои дигари "Шоҳнома" истифода кардаанд, ки ин арзиши корашонро бештар мекунад.

ISBN 978-99947-32-84-5

© Нашриёти "Адиб", 2008.

www.sattor.com

СУХАН ГУФТАНИ ПИРОН БО СИЁВУШ АЗ ФАРАНГИС

1535 Яке рӯз Пирони парҳезкор
Сиёвахшро[1] гуфт, к-«Эй шаҳрёр,

Ту донӣ, ки солори туронсипоҳ
Зи авҷи фалак барфарозад кулоҳ.

Шабу рӯзи равшан[2] равонаш туӣ.
Дилу ҷону ҳушу[3] тавонаш туӣ.

Чу бо ӯ ту пайвастаи хун шавӣ,
Аз ин поя[4] ҳар дам ба афзун[5] шавӣ.[6]

Агарчанд фарзанди ман хеши туст,
Маро ғам зи баҳри каму беши туст.

1540 Агарчи Ҷарира-ст пероста,
Аз ин анҷуман мар туро хоста,[7]

---

1. ИЛ –Сиёвушро.
2. Л –рӯз унсу.
3. Л –ҳушу тушу.
4. ИЛ –моя.
5. ИЛ –афсун.
6. ИЛ –б. б. 1538 ин б. омада:
   Шавад эътимодаш ба ту устувор,
   Ки хоҳӣ будан пеши ӯ пойдор.
7. ИЛ –б. б. 1540 ин б. омада:
   Нахоҳам ҳаме гуфт, ин рой нест,
   Ки чеҳри ту ӯро дилорой нест.
   Маро гуфт, к-ин то ҷаҳони баланд
   Кунад мар туро назди ӯ арҷманд.

www.sattor.com

Валекин туро он сазовортар,
Ки аз*[1] домани шоҳ ҷӯӣ гуҳар.

Фарангис беҳтар[2] зи хубони ӯй,[3]
Набинӣ ба гетӣ чунон рӯю мӯй.[4]

Ба боло зи сарви саҳӣ бартар аст,
Зи мушки сияҳ бар сараш афсар аст.[5]

Ҳунарҳову дониш зи дидор[6] беш,
Хирадро парастор дорад ба пеш.[7]

Зи Афросиёб ар бихоҳӣ, равост,
Чунон бут[8] ба Кашмиру Кобул куҷост?!

Шавад[9] шоҳи пурмоя пайванди ту,
Дурахшон[10] шавад фарру арванди ту.

Чу фармон диҳӣ, ман бигӯям бад-ӯй,
Биҷӯям бад-ин назди ӯ обрӯй».

Сиёвуш ба Пирон нигаҳ карду гуфт,
Ки фармони Яздон нашояд нуҳуфт.

1. М –дар.
2. ИЛМ –меҳтар.
3. ЛМ –шоҳ.
4. ЛМ –рӯи моҳ.
5. ТПЗ – Рухашро тавон кард нисбат ба моҳ,
Агар моҳ дорад ду зулфи сиёҳ.
6. ИЛ –андоза.
7. ТПЗИ – Зи Турон ҷуз ӯ нест анбози ту.
Набошад касе низ дамсози ту.
8. ЛМ –Ки чун ӯ.
9. Л –Чу шуд.
10. ИЛ –Дурафшон.

www.sattor.com

Агар осмонӣ[1] чунин аст рой,
Касеро ба рози фалак[2] нест пой.[3]

Магар[4] ман ба Эрон нахоҳам расид,[5]
Нахоҳам[6] ҳаме рӯи Ковус дид.

Чу Дастон, ки парвардгори ман аст,
Таҳамтан, ки хуррам[7] баҳори ман аст.

Чу Баҳрому чун Зангаи Шоварон,
Чу Геву чу Шопуру[8] кундоварон,

Чу аз рӯи эшон бибояд бурид,[9]
Ба Турон ҳаме хона бояд гузид.

---

1. И –осмонро.
2. ИЛ –Маро бо сипеҳр аз буна.
3. 8 И –ҷой;
   ТПЗ – Валекин маро бо Ҷарира нафас
   Беҳ ояд, нахоҳам ҷуз ӯ низ кас.
   На дар банди гоҳам, на дар банди ҷоҳ,
   На хуршед хоҳам, на равшан кулоҳ.
   Бисозем бо ҳам ба неку ба бад,
   Нахоҳам ҷуз ӯ, гар ба ман бад расад.
   Бад-ӯ гуфт Пирон, ки ман кори ӯй
   Бисозам, ту бигзар зи темори ӯй
   Ман ӯро бад-ин кор хасту кунам,
   Ба фармони ӯ рух бад-ин сӯ кунам.
   Дар ин аст ноком беҳбуди ту,
   Зиёни ман аст ин, вале суди ту.
   Сиёвахш гуфт: «Эй хирадманд пир,
   Агар буд хоҳад сухан ногузир,
   Ту донӣ чунон кун, ки коми ту аст,
   Чу гардуни гарданда роми ту аст».
4. Л – Агар.
5. И – Ки гар ман ба Эрон бихоҳам расид.
6. И – бихоҳам.
7. И – равшан.
8. Л – Чунин номдорону; И – Ҷуз ин номдорону.
9. И – наёяд падид.

www.sattor.com

Бад-ин[1] бошу ин кадхудойӣ бисоз,
Магӯ ин сухан бо замин ҷуз ба роз.[2]

Ҳаме гуфту мижгон пур аз об кард,
Ҳаме барзад андар миён боди сард.

Бад-ӯ[3] гуфт Пирон, ки «Бо рӯзгор
Бисозад хирадёфта марди кор.

Наёбӣ гузар ту зи гардонсипеҳр,
К-аз ӯяст подошу[4] пархошу меҳр.

Ба Эрон агар дӯстон доштӣ,
Ба Яздон супурдиву бугзоштӣ.

Нишасту нишонат кунун эдар аст,
Сари тахти Эрон ба банд-андар аст».[5]

СУХАН ГУФТАНИ ПИРОН БО АФРОСИЁБ

Бигуфт ину бархост аз пеши ӯй,
Чу огоҳ шуд аз каму беши ӯй.[6]

Ба шодӣ биёмад[7] ба даргоҳи шоҳ,
Фуруд омаду баркушоданд роҳ.

Ҳаме буд дар пеши ӯ як замон,
Бад-ӯ гуфт солори некӯгумон,

1. ИЛ – Падар; И – Бадар.
2. И – б.б 1554 ин б. омада:
   Агар бахт бошад маро некхоҳ,
   Ҳамоно диҳад раҳ ба пайванди шоҳ,
   Валекин Ҷарира маро дарх(в)ар аст,
   Ки пайвандам аз ҷони ту беҳтар аст.
3. Л – Чунин.
4. ИЛ – орому.
5. Л – туро дар х(в)ар аст; И – ба даст-андар аст.
6. Л – б. 1560 нест.
7. ИЛ – бишуд, то.

www.sattor.com

Ки «Чандин чӣ бошӣ ба пешам ба пой,
Чӣ хоҳӣ зи гетӣ, чӣ омад-т[1] рой?

Сипоҳу зару[2] ганҷи ман пеши туст,
Маро судмандӣ[3] ба кам-беши туст.

Касе, к-ӯ ба зиндону банди ман аст,
Кушодан-ш дарру[4] газанди ман аст,

Зи хашму зи банди ман озод гашт,
Зи баҳри ту пайкори ман бод гашт.[5]

Зи бисёру андак чӣ хоҳӣ, бихоҳ
Зи теғу зи мӯҳру зи тахту кулоҳ!»

Хирадманд посух чунин дод боз,
Ки «Аз ту мабодо ҷаҳон бениёз![6]

Маро хоста ҳасту ганҷу сипоҳ,
Ба бахти ту ҳам теғу ҳам тоҷу гоҳ.[7]

Зи баҳри Сиёвуш паёме дароз
Расонам ба гӯши сипаҳбад ба роз.

Маро гуфт: «Бо шоҳи Турон бигӯй,
Ки ман шоддил гаштаму номҷӯй.

1. И – ояд-т.
2. И – дуру.
3. И – дармандӣ.
4. Л – Кушояш вагар худ.
5. И – б. б. 1566 ин б. омада:
    Фурӯ бурд Пирону бурдаш намоз,
    Бад-ӯ гуфт, к-эй шоҳи гарданфароз.
6. ТПЗИ – Маро ҳоҷат аз хоҳиши хеш нест,
    Кас аз меҳтарони* ту дарвеш нест.
    * И – кеҳтарони.
7. И – б. 1567 – 1569 нест.

www.sattor.com

Бипарвардиям чун падар дар канор,
Ҳаме шодӣ овард бахтам ба бор.

Кунун ҳамчунин кадхудоӣ бисоз,
Ба неку бад аз ту наям бениёз.

Паси пардаи ту яке духтар аст,
Ки айвону тахти маро дарх(в)ар аст.

Фарангис хонад варо[1] модараш,
Шавам шод, агар бошам андарх(в)араш».

Пурандеша шуд ҷони Афросиёб,
Чунин гуфт бо дида карда пуроб,

Ки «Ман рондаам пеш аз ин достон,
Набудӣ бар ин гуфта ҳамдостон.

Чунин гуфт бо ман яке ҳушманд,
Ки ҷонаш хирад буду рояш баланд,

Ки, эй дояи баччаи шери нар
Чӣ ранҷӣ, ки ҳам ҷон наёрӣ ба бар.

Нахустин, ки ояд-ш нерӯи чанг,
Ҳамон[2] парваронанда орад[3] ба чанг.

Ва дигар, ки аз пеш кундоварон,
Зи кори ситорашумар мӯбадон[4]

1. ИЛ – ҳаме.
2. ИЛ – Сари.
3. ИЛ – гирад.
4. ИЛ – бихрадон, аз писар мубадон.

www.sattor.com

Чу суллоба бардоштандӣ ба х(в)ар
Ҳамин рондандӣ ҳама дар ба дар.[1]

Маро бо[2] набера шигифтӣ басе
Намудӣ[3] ҳаме кордида касе.

Сари тахту ганҷу сипоҳи маро
Ҳамон кишвару буму гоҳи маро,

Шавад аз набера саросар табоҳ,
Зи дасташ наёбам[4] ба гетӣ паноҳ.[5]

Бигирад ҳама сар ба сар кишварам,
Зи кораш бад ояд ҳаме бар сарам.[6]

Кунун боварам шуд, ки ӯ ин бигуфт,
Ки гардуни гардон чӣ дорад нуҳуфт.

Аз ин ду назода[7] яке шаҳрёр,
Биёяд, бигирад ҷаҳон дар канор.

Ба Турон намонад бару буму руст,
Зи тахти[8] ман андоза гирад нахуст.

Чаро кишт бояд дарахте ба даст,
Ки бораш бувад заҳру баргаш кабаст.

---

1. ТПЗ – Шумори ситора ба пеши падар
Аз ин ронда буданд сар то ба сар,*
Ки аз тухмаи Тур в-аз Кайқубод
Яке шоҳ сар барзанад пур зи дод.
* ИЛ – танҳо б. якум дида шуд; Л – Аз ин буд андуҳ ҳама сар ба сар.
2. Л – бар; И – з-ин.
3. ИЛ – Намояд.
4. И – наёбам.
5. И – б. 1586 нест.
6. Л – б. 1586, 1587 нест.
7. Л – бизояд.
8. ЛМ – кулоҳи; И – гоҳи.

www.sattor.com

Зи Ковус в-аз тухми Афросиёб
Чу оташ бувад тез ё мавҷи об.

Надонам ба Эрон гирояд ба меҳр
В-агар сӯи Турон кунад пок чеҳр.

Чаро бар гумон заҳр бояд чашид
Думи мор хира набояд[1] газид.

Бидорам-ш чандон, ки эдар бувад,
Маро ӯ ба ҷои бародар бувад.

Чу з-эдар кунад сӯи Эрон гузар,
Ба хубӣ биёроям ӯро сафар.

Фиристам ба некӣ ба назди падар
Чунон чун писандад ҳаме додгар».[2]

Бад-ӯ гуфт Пирон, ки «Эй шаҳрёр,
Дилатро бад-ин кор ранҷа[3] мадор.

Касе к-аз нажоди Сиёвуш бувад,
Хирадманду бедору хомуш бувад.

Ба гуфти ситорашумар маграв эч,
Хирад гиру кори Сиёвуш басеч.

Аз ин ду нажода яке тоҷвар[4]
Биёяд, барорад ба хуршед сар.

Ба Эрону Турон бувад шаҳрёр,
Ду кишвар баросояд аз корзор.

1. Л – чӣ бояд.
2. Л – б. 1596, 1597 нест.
3. ИЛМ – ғамгин.
4. Л – номвар.

www.sattor.com

Зи тухми Фаридуну аз Кайқубод
Фурӯзандатар з-ин набошад[1]*[2] нажод.

В-агар худ ҷуз ин[3] роз дорад сипеҳр,
Наяфзоядаш ҳам ба андеша меҳр.

Бихоҳад будан бегумон буданӣ,
Накоҳад ба парҳез афзуданӣ.

Нигаҳ кун, ки ин кор фаррух бувад,
Зи бахт он чи пурсӣ[4] ту, посух бувад».

Ба Пирон чунин гуфт пас шаҳрёр,
Ки «Рои ту бар бад наёяд ба кор.

Ба фармону рои ту кардам сухун,
Ту шав,[5] ҳар чи хоҳӣ, ба хубӣ бикун!»

Дуто гашт Пирону бурдаш намоз,
Басе офарин карду баргашт боз.

Ба назди Сиёвуш хиромид зуд,
Бар ӯ баршумурд, он куҷо рафта буд.

Нишастанд шодон ҳама шаб ба ҳам
Ба бода бишустанд ҷонро зи ғам.

АРӮСИИ ФАРАНГИС БО СИЁВУШ

Чу хуршед аз чархи гарданда сар[6]
Баровард бар сони заррин сипар,

1. И – чӣ бошад.
2. М – наёбӣ.
3. ИЛ – (з-ин нишон).
4. И –Зи бахти баланди.
5. Л –рав.
6. ИД –Чу хуршедро чархи гардон ба сар.

www.sattor.com

Сипаҳдор Пирон миёнро бубаст,
Яке бораи тезтак*[1]-бар нишаст.

Ба кохи Сиёвахш[2] бинҳод рӯй,
Басе офарин кард бар фарри ӯй.

Чунин гуфт, к-«Имрӯз барсоз кор
Ба меҳмонии духтари шаҳрёр.

Чу фармон диҳӣ, ман сазовори ӯй
Миёнро бубандам ба тимори ӯй».

Сиёвахшро[3] дил пурозарм шуд,
Зи Пирон рухонаш[4] пур аз шарм шуд,

Ки домод ӯ буд[5] бар духтараш,
Ҳаме буд чун ҷону дил дар бараш.

Бад-ӯ гуфт: «Рав, ҳар чи хоҳӣ, бисоз,
Ту донӣ, ки аз ту маро нест роз».

Чу бишнид Пирон, сӯи хона рафт,
Дилу ҷон бубаст андар он кор тафт.

Дари хонаи ҷомаи нобурид
Ба Гулшаҳр биспурд Пирон калид,

Ки ӯ буд меҳбонуи[6] паҳлавон,
Ситуда зане буду равшанравон.

1. М –тезтак.
2. ИЛ –Сиёвуш.
3. Л –Сиёвушро.
4. Л –рухи ӯ; И –Пирони Виса.
5. Л –Куҷо буд домод.
6. ЛМ –кадбонуи.

www.sattor.com

Ба ганҷ-андарун он чи буд номдор
Гузиданд зарбафти чинӣ ҳазор.

Забарҷад табаққҳову пирӯза ҷом
Пур аз нофаи мушку пур[1] уди хом.

Ду афсар пур аз гавҳари шоҳвор,
Ду ёра яке тавқу ду гӯшвор.[2]*[3]

Зи густарданиҳо шутурвор шаст,
Зи зарбафт пӯшиданиҳо се даст,

Ҳама пайкараш сурх карда ба зар,
Бар ӯ бофта чанд гуна гуҳар.

Зи симину[4] заррин шутурвор сӣ
Табаққҳову аз ҷомаи[5] порсӣ.

Яке тахти заррину курсӣ чаҳор,
Се наълайни заррин забарҷаднигор

Парастор[6] бо ҷоми заррин дувист
Ту гуфтӣ ба айвон-дарун ҷой нест.

Парастанда сесад ба заррин кулоҳ,
Зи хешони наздик сад некхоҳ.

Ҳаме сад*[7] табақ мушку сад заъфарон.
Ҳаме рафт Гулшаҳр бо хоҳарон.

---

1. И –аз; Л — в-аз.
2. Л — тавқи заррин ба кор; И - тавқи бо гӯшвор.
3. М –тавқи зарриннигор.
4. Л –шамшери.
5. Л –ҷом даҳ.
6. Л –Парастора.
7. М –Ҳамон даҳ.

www.sattor.com

Ба заррин иморӣ ба дебо ҷулайл
Бирафтанд бо хоста хайл-хайл.

Биёвард бону зи баҳри нисор
Зи динор бо хештан сад[1] ҳазор.

1635 Ба назди Фарангис бурданд чиз,
Забонҳо пур аз офарин буд низ.

Заминро бибӯсид Гулшаҳру гуфт,
Ки «Хуршедро гашт ноҳид ҷуфт».[2]

В-аз он рӯй Пирону Афросиёб
Зи баҳри Сиёвуш ҳама пуршитоб

Бидоданд духтар ба оини хеш,
Чунон чун бувад дархури дини хеш,

Ба пайвастагӣ-бар гуво[3] сохтанд,
Чу з-ин шарту[4] паймон бипардохтанд,

1640 Паёме фиристод Пирон чу дуд
Ба Гулшаҳр то зӣ[5] Фарангис зуд

Шавад, то расонад сӯи шоҳзод
Бигуфт он замон бо Фарангис шод:[6]

«Бубояд ҳам имшаб шудан назди шоҳ,
Биёростан гоҳи ӯро ба моҳ».

1. ИЛ –даҳ.
2. ТПЗИ – Хуҷаста бару бум пайвастагӣ
Ба оҳистагӣ, ҳам ба шоистагӣ.
3. И –нузлро.
4. И аҳду.
5. И –к-орад.
6. И –б. 1641; Л –б. 1637 -1641 нест.

www.sattor.com

Ҳаме гуфту[1] зудаш биёростанд,
Сари мушк бар гул биперостанд,

Биёмад Фарангис чун моҳи нав
Ба наздики он тоҷвар шоҳи нав.[2]

Бибуданд бо якдигар шодмон,
Фузудӣ ҳаме ҳар замон меҳрашон.[3]

Ба як ҳафта мурғону моҳӣ нахуфт,
Наёмад сари як тан андар нуҳуфт.

Замин боғ гашт аз карон то карон
Зи шодиву овози ромишгарон.

КИШВАРЕ ДОДАНИ АФРОСИЁБ СИЁВУШРО

Бар ин кор бигзашт як ҳафта низ
Сипаҳбад биёрост бисёр чиз:

---

1. ИЛ –Ҳаме ҳафт.
2. ТПЗ – Фарангису шаҳзода бо якдигар
Нишастанд, буданд чун моҳу х(в)ар.
Хуру моҳ бо ҳам чу пайваста шуд,
Дили ҳар ду бар якдигар баста шуд.
Сиёвуш чу рӯи Фарангис дид,
Саропои он моҳ чун бингарид,
Қаде дид сарву рухе дид моҳ,
Фурӯ ҳишта дар бар ду зулфи сиёҳ.
Ду рухсори зебош мисли қамар,
Ду чашмаш ситора ба вақти саҳар.
Даҳоне пур аз дур, лабе чун ақиқ,
Ту гуфтӣ варо Зӯҳра омад рафиқ.
Даҳону лабаш буд гавҳарфишон,
Сухан гуфтанаш буд гавҳаршинос.
Фаришта ба хӯю чу анбар ба мӯй.
Ба дил меҳрубону ба ҷон меҳрҷӯй.
Набуд андар ӯ низ як чизи зишт,
Ту гуфтӣ, магар хур буд аз биҳишт.
Сиёвуш чу хуршеду ӯ моҳ буд,
Хуру моҳ бо ҳам чи дилхоҳ буд.
3. ИЛ –б. 1645 нест.

www.sattor.com

Зи аспони тозиву аз гӯсфанд,
Ҳам аз ҷавшану хӯду гурзу каманд,

Зи динор в-аз бадраҳои дирам,
Зи пӯшиданиҳову аз бешу кам.

В-аз он марз то пеши дарёи Чин
Ҳама ном бурданд шаҳру замин.

Ба фарсанг сад буд болои ӯй,
Нашоист паймуд паҳнои ӯй,

Навиштанд маншур бар парниён,
Ҳама подшоҳӣ ба расми каён.

Ба кохи[1] Сиёвуш фиристод шоҳ,
Або тахти заррину заррин кулоҳ.

В-аз он[2] пас биёрост айвони[3] сур,
Ҳар он кас, ки рафтӣ зи наздику дур,

Маю хону холигарон ёфтӣ,
Бихӯрдиву чандон, ки[4] бартофтӣ,

Бибурдиву рафтӣ[5] сӯи хони хеш,
Будӣ шод як ҳафта[6] меҳмони хеш.

Дари бастазиндонҳо баркушод,
Аз ӯ шодмон бахту ӯ низ шод.[7]

1. ЛМ –пеши.
2. Л-Аз он.
3. ИЛ –майдони.
4. Л-ҳарчанд.
5. И –бихӯрдию бурдӣ.
6. ИЛ –рӯз.
7. Л –б. 1658 нест.

www.sattor.com

Ба ҳаштум биёмад Сиёвуш пагоҳ
Або гурд Пирон ба наздики шоҳ.

Ба дастурии бозгаштан ба[1] кох
Бирафтанд яксар ба кохи фарох.

Гирифтанд ҳар ду бар ӯ офарин,
Ки эй меҳрбон*[2] шаҳрёри замин[3]

Ҳамеша туро ҷовидон бод рӯз
Ба шодиву бадхоҳро пушт кӯз!

В-аз он ҷойгаҳ бозгаштанд шод,
Басе аз ҷаҳондор карданд ёд.

Чунин низ як сол бо доду меҳр
Ҳаме гашт беранҷ гардонсипеҳр.[4]

Фиристода омад зи наздики шоҳ,
Ба назди Сиёвуш яке некхоҳ,

---

1. И — зи.
2. М –номвар.
3. И — Ки ҷовид бодо кулоҳу нигин; И — б. б. 1661 ин б. омада:
   Ту то он ҷаҳон аст, поянда бош,
   Ҳамеша чу хуршед тобанда бош.
   Сиёвуш чу омад ба айвони хеш,
   Сипаҳдор Пиронаш омад ба пеш.
   Ба пеши Сиёвуш ба раҳ пой хост,
   Басе узр наздики Пирон бихост,
   Ки доим ҷаҳон бар ту фархунда бод,
   Замона ба пеши ту чун банда бод!
   Басо ранҷ, к-аз ман ту бардоштӣ,
   Ба неку баде рӯз бигзоштӣ.
   Ҳамон гаҳ ба ромиш нишастанд шод,
   Басе аз ҷаҳондор карданд ёд.
4. Л –б. 1660 -1664 нест.

www.sattor.com

Ки пурсад туро номвар шаҳрёр,
Ҳаме гӯяд, эй меҳтари номдор,[1]

Аз*[2] эдар туро додаам то ба Чин,
Яке гирд баргарду бингар замин.

Ба шаҳре, ки орому рой оядат,
Ҳама орзуҳо ба ҷой оядат.

Ба шодӣ бибошу ба некӣ бимон,
Зи хушшӣ мапардоз дил як замон.

Сиёвуш зи гуфтори ӯ гашт шод,
Бизад ною кӯсу буна барниҳод.

Сипоҳу силеҳу нигину*[3] кулоҳ
Бибурданд бо ганҷ бо ӯ ба роҳ.

Фаровон имори биёростанд,
Паси парда хубон бипе见ростанд.

Фарангисро дар иморӣ нишонд,
Буна барниҳоду сипаҳро[4] биронд.[5]

Ба шодӣ бирафтанд сӯи Хутан,
Ҳама номдорон шуданд анҷуман,

Ки Пирони солор аз он шаҳр буд,
Ки аз бадгумониш бебаҳр буд.

---

1. ТПЗИЛ – Бувад, к-ат зи ман дил бигирад ҳаме
В-аз ин беҳ нишастат пазирад ҳаме.
2. М –К-аз.
3. Л –иморӣ.
4. М –силоҳи фаровону заррин.
5. ТПЗ – Аз ӯ боз нагсист Пирони гурд,
Инон бо инони Сиёвуш супурд;
И – Бирафтанд бо ӯ чу Пирони гурд,
Ҳама лашкараш ҷумла бо худ бибурд.

www.sattor.com

Ҳаме буд як моҳ меҳмони ӯй,
Бад-он сар чунин буд паймони ӯй.

Зи хӯрдан наёсуд як рӯз шоҳ,
Гаҳе руду май, гоҳ нахчиргоҳ.

Сари моҳ бархост овози[1] кӯс,
Бад-он гаҳ ки хезад хурӯши хурӯс,

Биёмад сӯи подшоҳии хеш
Сипоҳ аз паси пушту Пирон зи[2] пеш.

Бад-он марзбум-андар[3] огаҳ шуданд,
Бузургон ба назди[4] шаҳаншаҳ шуданд.

Ба коми дил[5] аз ҷой бархостанд,
Ҷаҳоне ба оин биперостанд.[6]*[7]

Аз он подшоҳӣ хурӯше бихост,
Ки гуфтӣ замин гашт бо чарх рост.

Зи бас ғулғулу нолаи каррной[8]
Ту гуфтӣ ҳаме дил бичунбад зи ҷой.

Ба ҷое расиданд, к-обод буд,
Яке хуб фархундабунёд буд.

---

1. ИЛ –овон.
2. ИЛ –Пирон –ш.
3. Л –марз чун мардум.
4. Л –пазира барои; И –пазира ба роҳ.
5. Л –шоддил.
6. И –Ҷаҳонро ба ромиш биёростанд.
7. М –биёростанд.
8. Л –Зи бас ромишу нолаи чангу ной.

www.sattor.com

Ба як сӯш*[1] дарё, ба як сӯй*[2] кӯҳ.[3]
Ба як сӯй*[4] нахчир[5] дур аз гурӯҳ,

Дарахтони бисёру оби равон,
Ҳаме шуд дили солхӯрда ҷавон.

Сиёвуш ба Пирон забон[6] баркушод,
Ки «Инат бару буми фаррухниҳод[7]

Бисозам ман эдар яке хуб ҷой,
Ки бошад ба шодӣ маро дилкушой.[8]

Барорам яке шорсони фарох,
Бад-ӯ андарун боғу айвону*[9] кох.[10]

Нишастангаҳе барфарозам ба моҳ,
Чунон чун бувад дархури тоҷу гоҳ.»

Бад-ӯ гуфт Пирон, ки «Эй некрой,[11]
Бад-он рав,[12] к-ат андеша ояд[13] ба ҷой.

Чу фармон диҳӣ, ман бар он[14] сон, ки хост,
Барорам яке ҷой то моҳ[15] рост.

---

1. М –рӯй.
2. М –рӯй.
3. И – Яке сӯй дарё, Яке сӯй кӯҳ.
4. М –рӯй.
5. Л –Рӯй нахчиру.
6. ИЛМ –сухан.
7. ТПЗ – Ҳаво хушгувору замин хубранг,
   Зи деба заминаш чу пушти паланг.
8. ИЛ –раҳнамо.
9. Фаровон бад-ӯ - андарун боғу.
10. Л - Фаровон бад-ӯ- андарун боғу кох.
11. Л –гузин хуб ҷой; И –хуброй.
12. И –шав. 2 И –шав.
13. Л –ки андеша орад.
14. Л –диҳад ман бад-ин.
15. Л –диз бар ин ҷо.

www.sattor.com

Нахоҳам, ки бошад маро буму ганҷ,
Замону замин аз ту дорам сипанҷ».[1]

Сиёвуш бад-ӯ гуфт, к-«Эй бахтёр,
Дарахти бузургӣ ту орӣ ба бор.

1695 Маро ганҷу хубӣ ҳама з-они туст,
Ба ҳар ҷой ранҷи ту бинам нахуст.

Яке шаҳр созам бад-ин ҷой ман,
Ки хира бимонад аз он[2]*[3] анҷуман».[4]

СОХТАНИ СИЁВУШ ГАНГДИЖРО

Кунун баркушоям дари достон,
Суханҳои шоистаи бостон.[5]

Зи Ганги Сиёвахш гӯям сухан
В-аз он шаҳру он достони куҳан.

Бар ӯ офарин, к-ӯ ҷаҳон офарид.
Або ошкоро ниҳон офарид.

---

1. Л –ба ранҷ.
2. Л –шавад дидаи.
3. М –бад ӯ.
4. ТПИ – Сиёвуш фурӯ монду Пирон ба ҷой
Дар он буми фархундаи дилкушой.*
Аз ахтаршиносон бипурсид шоҳ,
Ки созам ман эдар яке ҷойгоҳ,**
К-аз ӯ фарру бахтам ба сомон бувад
Ва ё кор бо ҷангсозон бувад.
Бигуфтанд яксар ба шоҳи замин,
Ки бас нест фархунда фарҷоми ин.
* И – Аз он буми хуррам чу гаштанд боз,
Сиёвуш ҳамебуд бо дил ба роз
**И – б. ин б. ҳашт б. омадааст, ки ба асли мақсад он қадар мувофиқат надорад, аз ин рӯ иқтибос нагардид.
5. Л –б. 1697 нест;
ТПЗ – Яке достон гӯямат бас шигифт,
Ки андеша аз вай тавон баргирифт.

www.sattor.com

Худованди дорандаи ҳасту нест,
Ҳама чиз ҷуфт асту Эзад якест.

Ба пайғамбараш-бар кунам офарин,
Ба ёрон-ш-бар ҳар яке ҳамчунин.

Чу гетӣ тиҳӣ монд аз ростон,
Ту эдар ба будан мазан достон.

Куҷо он сару тоҷи шоҳаншаҳон,
Куҷо он диловар гиромӣ меҳон?

Куҷо он ҳакимону донандагон,
Ҳамон ранҷбардор хонандагон?

Куҷо он бутони пур аз нозу[1] шарм,
Сухан гуфтани хубу овои нарм?

Куҷо он, ки бар[2] кӯҳ будаш куном,
Бурида зи орому аз кому ном?[3]

Куҷо он, ки судӣ сарашро ба абр,
Куҷо он, ки будӣ шикораш ҳизабр?[4]

Ҳама хок доранд болину[5] хишт,
Хунук он, ки ҷуз тухми некӣ накишт![6]

Зи хокему[7] бояд шудан сӯи[8] хок,
Ҳама[9] ҷои тарс асту тимору бок.

---

1. Л –шарму.
2. ИЛ –дар.
3. Л –Рамида зи ором в-аз ному ком.
4. И –б. 1707 нест.
5. И –доранду болин зи.
6. Л-б. 1707, 1708 нест.
7. Л –хокиву.
8. И –зери.
9. И –ҳамон.

www.sattor.com

Ту рафтиву гетӣ бимонад дароз,
Куҷо ошкоро бидониш роз?[1]

Ҷаҳон сар ба сар ҳикмату ибрат аст,
Чаро баҳраи мо[2] ҳама ғафлат аст?

Чу шуд сол бар шасту шаш, чора ҷӯй,
Зи бешиву аз ранҷ бартоб рӯй.

Ту чанги фузунӣ задӣ дар[3] ҷаҳон,
Гузаштанд аз[4] ту басе[5] ҳамраҳон.

Набошӣ бар ин низ ҳамдостон,
Яке бишнав аз номаи бостон.[6]

Чу з-он[7] номдорон ҷаҳон шуд тиҳӣ,
Ту тоҷи фузунӣ чаро барниҳӣ?

Бад-он гаҳ ки андар ҷаҳон дод буд,
Аз эшон ҷаҳон яксар обод буд.[8]

Кунун бишнав аз Гангдиж достон,
Бад-ин достон бош ҳамдостон,

Ки чун Гангдиж дар ҷаҳон ҷой нест,
Бар он сон замине дилорой нест,[9]

---

1. И –Касе ошкоро надонист роз; Л –Касе ошкоро надонад зи роз.
2. Л –баҳри ман з-ӯ.
3. И –бар.
4. Л –бар.
5. И –ҳаме.
6. Л –Бад-ин достон бош ҳамдостон.
7. ИЛ –аз.
8. ТПЗ – Чӣ бардоштанд аз ҷаҳони фарох
   Аз он ганҷу он тоҷу айвону кох?
9. Л –б. 1718 нест.

www.sattor.com

Ки онро Сиёвуш баровадра буд,
Басе андар ӯ ранҷҳо бурда буд.[1]

Биёбон биёяд, чу дарё гузашт,
Бубинӣ яке паҳну беоб дашт.

Чу з-ин[2] бугзарӣ, бинӣ обод шаҳр,
К-аз он[3] шаҳрҳо бартавон дошт баҳр.

В-аз он пас яке кӯҳ бинӣ баланд.
Ки болои ӯ бартар аз чуну чанд.

Мар ин кӯҳро Гангдиж дар миён
Бад-он к-ат зи дониш наёяд зиён.

Чу фарсанг сад гирд бар гирдм кӯҳ,
Зи болои ӯ чашм гардад сутӯҳ.

Зи ҳар сӯ ки пӯӣ бар ӯ, роҳ нест,
Ҳама гирд бар гирди ӯ бар якест.

Бад-ин гуна сиву се[4] фарсанг танг
Аз ин рӯю он рӯй девори санг.

Гар ин чанд фарсанг агарчанд мард
Бибошад ба раҳ аз паи коркард,

Наёбад бар эшон гузар сад ҳазор
Зиреҳдору баргустувонвар савор,

1. И –б. 1717 -1719 нест;
ТПЗИЛ – Ба як моҳ з-он рӯи дарёи Чин,
Ки бе ном гашт ин замон он замин.
2. ИЛ –к-аз ин.
3. Л –К-аз ин.
4. Л –ду.

www.sattor.com

К-аз ин бугзарӣ, шаҳр бинӣ фарох,
Ҳама гулшану боғу майдону[1] кох.[2]

Ҳама шаҳр гармобаву рӯду ҷӯй,
Ба ҳар барзане ромишу рангу бӯй.

Ҳама кӯҳ нахчиру оҳу ба дашт,
Чу ин шаҳр бинӣ, набояд*[3] гузашт.[4]

Тазарвону товусу кабки дарӣ
Биёбӣ, чу бар[5] кӯҳҳо бугзарӣ.

На гармош гарму на сармош сард,
Ҳама ҷои шодиву орому х(в)ард.

Набинӣ дар он шаҳр бемор кас,
Яке бӯстон аз[6] биҳишт асту бас.

Ҳама обҳо равшану хушгувор,
Ҳамеша бару буми ӯ чун баҳор,

Дарозиву паҳнош сӣ бор сӣ
Бувад, гар бипаймоядаш порсӣ.

Яку ним фарсанг болои кӯҳ,
Ки аз рафтанаш мард гардад сутӯҳ.[7]

1. Л –айвону.
2. И-б. 1722 -1729 нест.
3. М –Биҳишт ин чу бинӣ, нахоҳӣ.
4. В -Чунин шахр бинӣ, нашояд гузашт.
5. Л –ки аз.
6. Л –бӯстони.
7. Л –б. б. 1737 ин б. омада:
   Бар он офарин, к-ӯ чунон офарид,
   Замину баланд осмон офарид.
   Ҳама гулшану боғ,айвон буд,
   Ки айвонҳо сар ба кайвон буд.

www.sattor.com

В-аз он рӯй ҳомуне ояд падид,
К-аз он хубтар ҷойгаҳ кас надид.

Бирафташ Сиёвахшу[1] онро бидид,
Мар онро[2] зи Туронзамин[3] баргузид.

Тани хешро номбардор кард,
Фузунӣ яке низ[4] девор кард.

Зи сангу зи гаҷ сохта в-аз[5] рухом
В-аз он гавҳаре,[6] к-аш надонем ном.

Зи*[7] сад раш фузун аст болои ӯ,
Ҳамон сиву ҳашт аст паҳнои ӯ.[8]

Наёяд бад-ӯ манҷаниқу на тир,
Бибояд туро дидан он ногузир,

Ки онро касе то набинад ба чашм,
Ту гӯӣ зи гӯянда ояд ба хашм.[9]*[10]

Зу теғаш ду фарсанг то бумхок,
Ҳама гирд бар гирд хокаш мағок.

Набинад замин дида бар теғи кӯҳ,
Ҳам аз бар шудан мурғ гардад сутӯҳ.[11]

---

1. Л –Сиёвушу.
2. Л –ӯро.
3. ИЛ –Турон ҳаме.
4. И – Фузунии як найза; Л –бар ӯ низ.
5. Л – буду чанде; И –чанд аз.
6. И – ҷавҳаре.
7. М - Ду.
8. ИЛ –б. 1742 нест.
9. ИЛ –б. 1744 нест.
10. М –Чу гӯй, ба гӯянда гиранд.
11. Л –пас аз б. 1746 ин б. дида шуд, ки такрори (бо фарқҳои ҷузъӣ) ду байти баъд азб. 1736 омада мебошанд. Байти сеюм ин аст:
    Ҷуз ӯро махон кирдгори ҷаҳон,
    Ҷуз ӯро мадон ошкору ниҳон

www.sattor.com

Басе ранҷ бурд андар он ҷойгоҳ
Зи баҳри бузургиву тахту кулоҳ.

Бино кард ҷое чунон дилкушой,
Яке шорсон андар он хуб ҷой.

Бад-ӯ коху айвону майдон бисохт,
Дарахтони бисёраш андарнишохт.

Бисозид ҷое чунон чун биҳишт,
Гулу сунбулу наргису лола кишт.[1]

СУХАН ГУФТАНИ СИЁВУШ БО ПИРОН АЗ БУДАНИҲО

Аз он ҷои*[2] хуррам чу гаштанд боз,
Сиёвуш ҳаме буд бо дил ба роз.[3]

Аз ахтаршиносон бипурсид шоҳ,
Ки эдар яке сохтам ҷойгоҳ.

Аз ӯ фарру бахтам ба сомон бувад,
Ва ё дил зи карда пушаймон шавад?*[4]

---

1. Л –б. 1749, 1750 нест;
ТПЗ – чу ҳарч-аш бибоист, барсохтанд,
ТПЗ – Чу ҳарч-аш бибоист, барсохтанд,
Иморат ба хубӣ биёростанд.
2. М –буми.
3. ТПЗ – Чунон буд, ки рӯзе Сиёвахши род
Худу гурд Пирони Висанажод
Бирафтанд, диданд ҷое чунон,
Ки аз диданаш пир гаштӣ ҷавон.
Хушу хурраму хуб ороста
Ба ҳар ҷой ганҷе пур аз хоста.
Писандида буд ҷои шоҳаншаҳон
Зи кохи бузургону ҷои меҳон.
4. М –бувад.

www.sattor.com

Бигуфтанд яксар ба шоҳи замин,
Ки бас нест фархунда бунёди ин.[1]

Аз ахтаршиносон баровард хашм,
Дилаш пур зи дарду пур аз об чашм.

Инони таковар ҳаме дошт нарм,
Ҳаме рехт аз дидагон оби гарм.

Бад-ӯ гуфт посух, ки «Чархи баланд
Дилам кард пурдарду ҷонам нажанд,

Ки ҳарчанд гирд оварам хоста,
Ҳамон коху ҳам ганҷи ороста,

Ба фарҷом яксар ба душман расад,
Бадӣ бад бувад, марг бар тан расад,[2]

Ки чун Гангдиж дар ҷаҳон ҷой нест.
Чун ӯ шорсони дилорой нест.

Маро фарри некидиҳиш ёр буд,
Хирадмандиву бахти бедор буд.

Аз ин сон яке шорсон сохтам,
Сарашро ба Парвин барафрохтам.

Кунун андар[3] ин ҳам ба кор[4] оварам,
Бар ӯ-бар фаровон нигор[5] оварам.

1. Л -1751 -1753 нест.
2. Л –б. 1758 1760 нест; И –б. 1747 -1760 нест; ТПЗ –Сипеҳрам ҳаме зери пай биспарад.
3. Л –эдар.
4. Л –ҷой
5. Л –офарини Худой.

www.sattor.com

1765 Чу хуррам шавад ҷой*[1] ороста
Падид ояд аз ҳар сӯе хоста.[2]*[3]

Набояд[4] маро шод будан басе,
Нишинад бар ин кох*[5] дигар[6] касе.[7]

На ман шод бошам, на фарзанди ман,
На пурмоя гурде зи пайванди ман.

Набошад[8] маро зиндагонӣ дароз,
Зи коху зи айвон шавам бениёз.

Шавад кохи ман тахти Афросиёб,
Кунад бегунаҳ марг бар ман шитоб.

Чунин аст рози сипеҳри баланд,
Гаҳе шод дорад, гаҳе мустаманд».

Ба-ӯ гуфт Пирон, ки «Эй сарфароз,
Макун хира андеша бар дил дароз,

Ки Афросиёб аз бало пушти туст,
Ба шоҳӣ нигин андар ангушти туст.

Маро низ, то ҷон бувад дар танам,
Бикӯшам, ки паймони ту нашканам.

Намонам, ки боде ба ту бигзарад,
В-агар мӯй бар ту ҳаво бишмарад».

1. М –ҷою.
2. Л –б. 1765 нест.
3. М –Пур аз ганҷу ҳам коху ҳам.
4. ЛМ –Набошад.
5. М –бад-ин ҷой.
6. Л –бад-ин ҷой камтар.
7. Л –набояд.
8. И –б.1763 -1766 нест.

www.sattor.com

Сиёвуш бад-ӯ гуфт, к-«Эй некном,
Набинам ба ҷуз некномит ком!

Ҳама рози ман ошкорои туст.
Ки бедордил бошиву[1] тандуруст.

Ман огоҳӣ аз фарри Яздон диҳам,
Ҳам аз рози чархи баланд огаҳам.

Бигӯям туро[2] буданиҳо дуруст,
Зи айвону[3] кох*[4] андароям нахуст.

Бидон, то нагӯӣ, чу бинӣ чунон,[5]
Ки ин бар Сиёвуш чаро буд[6] ниҳон.

Ту, эй гурд Пирони бисёрҳуш,
Бад-ин гуфтаҳо пахн букшой гӯш.

Фаровон бад-ин нагзарад рӯзгор,
Ки бар дасти бедордил шаҳрёр[7]

Шавам зор ман кушта бар бегуноҳ,[8]
Каси дигар ояд бар ин тоҷу гоҳ.

Ту паймон ҳаме дориву рои[9] рост,
Валекин фалакро ҷуз ин аст хост.

1. Л –бодиву.
2. И –ҳама.
3. И –айвон ба.
4. М –Аз айвону боғ.
5. Л –Бидон, то бигӯӣ, чу бинӣ ҷаҳон.
6. Л –шуд.
7. Л –Ки пайкори бедордил шаҳрёр.
8. Л - Кунад зор кушта маро бегуноҳ.
9. ИЛ - роҳи.

www.sattor.com

Зи гуфтори бадгӯй в-аз бахти бад
Чунин бе гунаҳ бар сарам бад расад.[1]

Барошӯбад Эрону Турон ба ҳам,
Зи кина шавад зиндагонӣ дижам.

Пур аз ранҷ гардад саросар замин,
Замона шавад пур зи шамшери[2] кин.

Басе[3] зарду сурху сиёҳу бунафш,
К-аз Эрон ба[4] Турон бубинӣ дирафш.

Басе ғорату бурдани хоста,
Пароканданӣ ганҷи ороста,

Басо кишваро, к-он ба пои сутур
Бикӯбанду гардад ба ҷӯй об шӯр.

Сипаҳдори Турон зи кирдори хеш
Пушаймон шавад, ҳам зи гуфтори[5] хеш.

Пушаймонӣ он гаҳ наёрад-ш[6] суд,
Ки бархезад аз буми обод дуд.

Аз Эрону Турон барояд хурӯш,
Ҷаҳоне зи хуни ман ояд ба ҷӯш.

Ҷаҳондор бар чарх чунин навишт,
Ба фармони ӯ бар диҳад, ҳар чӣ кишт.

---

1. Л – Ба ман – бар чунон бе гунаҳ бад расад;
ТПЗ – Ба Эрон расад зуд ин гуфтугӯй,
Кас ояд ба Турон бад-ин ҷустуҷӯй.
2. И –шамшеру.
3. Л –Зи бас.
4. И –Аз Эрону.
5. Л –пайкори.
6. ИЛМ –надорад-ш.

www.sattor.com

Биё, то ба шодӣ диҳему х(в)рем,
Чу гоҳи гузаштан бувад, бигзарем.

Чӣ бандӣ дил андар сарои сипанҷ,
Чӣ нозӣ ба ганҷу чӣ нолӣ зи ранҷ?

К-аз он ганҷ[1] дигар касе бар х(в)арад,
Ҷаҳондор*[2] душман чаро парварад?»

Чу бишнид Пирону андеша кард,
Зи гуфтори ӯ шуд дилаш пур зи дард.[3]

Ҳаме гуфт, к-Аз ман бад омад ба ман,
Гар[4] ӯ рост гӯяд ҳаме ин сухан,[5]

Ман ӯро кашидам[6]*[7] ба Туронзамин,
Парокандам андар[8] ҷаҳон тухми кин.

Варо ман[9] ба Турон кашидам ба ранҷ,
Супурдам бад-ӯ кишвару тоҷу ганҷ.

Накардам ҳаме ёд[10] гуфтори шоҳ,
Чунин гуфт бо ман ҳаме гоҳ-гоҳ.[11]

---

1. Л –ранҷ.
2. М –ҷаҳондида.
3. И – Чу бишнид Пирони бисёрҳуш,
   Ба дил гуфт бо дарду тимору ҷӯш.
4. Л –Ки.
5. ТПЗИ – Ки гар ин сухан рост гӯяд ҳаме
   В-аз ин низ кажжӣ наҷӯяд ҳаме*.
   *М – В-аз ин гуфтаҳо дод ҷӯяд ҳаме.
6. И –Замона кашидаш.
7. М –Бало ман.
8. И –Пароканда шуд дар.
9. ЛМ –Ки ӯро.
10. ЛМ –Шунидам ҳама пок; И –Шумурдам ҳаме бод.
11. ИЛ – Чунин ҳам ҳаме гуфт бо ман ба роҳ;
    ТПЗ – Кунун чун шунидам дуруст аст он,
    Ба ҷуз рост бо ман нагуфтаст он.

www.sattor.com

В-аз он пас чунин гуфт бо дил[1]*[2] ба меҳр,
Ки аз ҷунбишу расми гардонсипеҳр

Кӣ ин розҳо бар дили вай кушод,[3]
Ҳамоно, ки Эронаш омад ба ёд?

Зи Ковус в-аз тахти шоҳаншаҳӣ
Ба ёд омадаш рӯзгори беҳӣ.

Дили хеш аз ин гуфта хурсанд кард,
На оҳанги рои хирадманд кард.

Ҳама роҳ аз ин гуна буд гуфтугӯй,
Дил аз буданиҳо пур аз ҷустуҷӯй.

Чу аз пушти аспон фуруд омаданд,
Зи гуфтор як бор[4] дам барзаданд.

Яке хони заррин биёростанд,
Маю руду ромишгарон хостанд.

ФИРИСТОДАНИ АФРОСИЁБ ПИРОНРО ДАР КИШВАРҲО

Бибуданд аз ин гуна як ҳафта шод,
Зи шоҳони гетӣ гирифтанд ёд.

Ба ҳаштум яке нома омад зи шоҳ
Ба наздики солори туронсипоҳ.

К-аз ин ҷо бирав то ба дарёи Чин,
Сипоҳе зи кундоварон баргузин.

1. Л –ман.
2. М –ӯ.
3. Фалак розҳоро бад-ӯ кай кушод.
4. ИЛ –якбора.

www.sattor.com

Ҳаме рав чунин то сари марзи Ҳинд
В-аз он ҷо гузар кун ба дарёи Синд.

Ҳама божи кишвар саросар бихоҳ,
Бигустар ба марзи Хазар дар сипоҳ.

Баромад хурӯш аз дари паҳлавон,
Зи кӯсу табира замин шуд навон.

Зи ҳар сӯ сипоҳ анҷуман шуд бар ӯй
Яке лашкари гашни пархошҷӯй.

Чу омад ба даргоҳи Пирон сипоҳ,
Ҳаме рафт аз он сӯ, ки фармуд шоҳ.

Ба назди Сиёвуш басе хоста,
Зи динору аспони ороста.

Ба ҳангоми падруд кардан бимонд,
Ба фармон бирафту сипаҳро биронд.

БИНО КАРДАНИ СИЁВУШ СИЁВУШГИРДРО

Ҳаюне зи наздики Афросиёб
Чу оташ биёмад ба ҳангоми хоб.

Яке нома назди Сиёвуш ба меҳр
Навишта ба кирдори равшансипеҳр,[1]

Ки то ту бирафтӣ, наям шодмон,
Аз андеша беғам наям як замон.

Валекин ман андархури рои ту
Ба Турон биҷустам ҳаме ҷои ту.

1. Л –гардонсипеҳр.

www.sattor.com

Гар он ҷо, ки рафтӣ, хушу хуррам аст,
Чунон чун бибояд, дилат беғам аст.

Бад-он подшоҳӣ кунун бозгард,
Сари бадсигол андаровар ба гард.

Сипаҳбад буна барниҳоду бирафт,
Бад-он сон, ки солор фармуд тафт.[1]

Ҳазор уштури модаи сурхмӯй
Буна барниҳоданд бо рангу бӯй.

Сад уштур зи ганҷу дирам бор кард,
Чиҳилро ҳама бор динор кард.

Аз Эрону Турон гузида савор
Бирафтанд шамшерзан даҳ ҳазор.

Ба пеши сипоҳ-андарун хоста,
Имориву хубони ороста,

Зи ёқуту пирӯзаи шоҳвор,
Чӣ аз тавқ в-аз тоҷи гавҳарнигор,[2]

Чи анбар, чи уду чи мушку абир,[3]
Чи дебо, чи аз тахтаҳои ҳарир,

Зи мисриву чиниву аз порсӣ
Ҳаме рафт[4] бо ӯ шутурвор сӣ.

Ниҳоданд сар сӯи хуррамбаҳор
Сипаҳдору он лашкари номдор.

---

1. И – Шабошаб сипаҳ баргирифту бирафт
Бад-он сӯ, ки фармуд солор тафт.
2. И – Чи аз тавқу бо тоҷу бо гӯшвор.
3. И – Зи ковур в-аз мушкуд уду абир.
4. И – Бирафтанд.

www.sattor.com

Чу омад бад-он ҷойгаҳ,[1] даст охт,
Ду фарсанг болову паҳно бисохт.

Биёрост шаҳре зи[2] кохи баланд,
Зи полез в-аз гулшани арҷманд.[3]

Ба айвон нигорид чанде*[4] нигор
Зи шоҳону аз базму аз корзор.

Нигори сари тоҷи*[5] Ковусшоҳ
Нигорид[6] бо ёраву гурзу гоҳ.

Бари тахти ӯ Рустами пилтан,
Ҳамон Золу Гударзу он анҷуман.

Зи дигар сӯ Афросиёбу сипоҳ,
Чу пирону Гарсевази кинахоҳ.

Ба Эрону Турон бари ростон,
Шуд он шаҳри хуррам яке достон.

Ба ҳар гӯшае гунбаде сохта,
Сарашро ба абр-андар афрохта.

Нишаста сароянда ромишгарон,
Ҳама*[7] ҷо ситода гавону сарон.

1. И – бар он шорсон.
2. ИЛ ТП – Зи айвону майдону.
3. ТПЗИЛ – Биёрост шаҳре ба сони биҳишт,
Ба ҳомун гулу сунбулу лола кишт.
4. М – чандин.
5. М – гоҳи.
6. ИМ – Набиштанд.
7. М – Ба ҳар.

www.sattor.com

Сиёвахшгирдаш[1] ниҳоданд ном,
Ҳама мардумон з-он ба дил[2] шодком.

ОМАДАНИ ПИРОН БА СИЁВУШГИРД

Чу Пирон биёмад зи Ҳинду зи Чин,
Сухан рафта з-он шаҳри боофарин.

Ханида ба Турон Сиёвахшгирд,[3]
К-аз ахтар чунин карда шуд рӯзи ирд.[4]

Аз айвону аз коху полезу боғ,
Зи рӯду зи дашту зи кӯҳу зи роғ.

Шитоб омадаш, то бубинад, ки шоҳ
Чӣ кард андар он моявар ҷойгоҳ.

Ҳар он кас, ки ӯ аз дари кор буд,
Бад-он базм бо ӯ сазовор буд.[5]

Ҳазор аз хирадманд мардони гурд,
Чу ҳангомаи рафтан*[6] омад, бибурд.

Чу омад ба наздики он ҷойгоҳ,
Сиёвуш пазира шудаш бо сипоҳ.

Чу Пирон ба назди Сиёвуш расид,
Пиёда шуд аз дур, к-ӯро бидид.

---

1. Л – Сиёвушгирдаш.
2. И – шаҳр аз он шорсон.
3. Л – Сиёвушгурд.
4. Л – урд; ИЛ – пас аз б. 1845 ин б.
   Омада: Чу Пирони радро аз ин шорсон
   Хабар шуд аз он номвар корашон*.
   * И – Чу Пирони Виса аз он шорсон,
   Шунид аз лаби ҳар касе достон.
5. И – Ҳар он кас ҳамовозу ҳамроз буд,
   Ки дар базм бо ӯ сарафроз буд.
6. М – ҳангоми рафтан.

www.sattor.com

Сиёвуш фуруд омад аз нилранг,
Пиёда гирифташ ба оғӯш танг.

Бигаштанд ҳар ду бад-он шаҳр боз,
Сиёвушу Пирони гарданфароз.[1]

Бигаштанд бар гирди он шорсон,[2]
Ки буд пеш аз он сар ба сар*[3] хорсон.[4]

Саросар ҳама коху айвону боғ[5]
Ҳаме тофт ҳар сӯ[6] чу равшанчароғ.[7]

Сипаҳдор Пирон ба ҳар сӯ биронд,
Басе офарин бар Сиёвуш бихонд.

Бад-ӯ гуфт: «Гар фарру бурзи каён
Набудит бо дониш андар миён,

Чу оғоз кардӣ бад-ин гуна ҷой,
Куҷо омадӣ ҷой аз ин сон ба пой?

Бимонод то растахез ин нишон
Миёни далерону гарданкашон!

Писар бар писар ҳамчунин шод бод,[8]
Ҷаҳондору пирӯзу фаррухниҳод».[9]

---

1. И – б. 1853 нест.
2. И – Бирафтанд ҳар ду бад-он шорсон.
3. М – Хуш омад варо он чунон.
4. Л – Хуш омад варо он чунон корашон.
5. И – Бididанд як сар ҳама коху боғ.
6. И – як сар.
7. И – пас аз б. 1855 ин б. омада:
   Саросар ҳама коху майдони ӯй
   Ҳаме тофт ҳар сӯ, чу метофт рӯй.
8. ИЛ – шоху шод.
9. И – Ҷаҳондори пирӯзи фаррухнажод.

www.sattor.com

Чу як баҳра з-он шаҳри хурам бидид,
Ба айвону боғи Сиёвуш расид.

Ба кохи Фарангис бинҳод рӯй,
Чунон хурраму шоду дайҳимҷӯй.[1]

Пазира шудаш духтари шаҳрёр,
Бипурсиду динор кардаш нисор.[2]

Чу бар тахт биншасту он ҷой дид,
Парастанда*[3] бисёр бар пой дид.

Бар он чиз чандин[4]*[5] ситоиш гирифт,
Ҷаҳонофаринро ниёиш гирифт.[6]

В-аз он пас ба хӯрдан гирифтанд кор
Маю хону ромишгару майгусор.

Бибуданд як ҳафта бо май ба даст
Гаҳе хурраму шоддил, гоҳ маст.

Ба ҳаштум раҳовард пеш оварид
Ҳамон ҳадяҳо сар ба сар,[7] чун сазид.

Зи ёқуту аз гавҳари шоҳвор,
Зи дебову аз тоҷи гавҳарнигор,[8]

---

1. И – б. 1862 нест.
2. ТПЗ – Ҷарира ҳамон духти хуршедрӯй,
   Чу сарви равон қадду чун мушк мӯй.
   Ба пеши падар рафт бо ӯ ба ҳам,
   Парастор бисёр бо бешу кам.
3. М – Парастори.
4. ИЛ – чанде.
5. М – ин низ чанде.
6. ТП – Санои ҷаҳонофарин ёд кард.
7. Л – ҳадяи шаҳрҳо; И – Ҳам аз ҳадяи шорсон.
8. ИЛ –б. 1869 нест.

www.sattor.com

Зи динору аспон ба зини хаданг,
Ба зарринситому ҷуноғи паланг.

Фарангисро афсару гӯшвор,
Ҳамон ёраву тавқи гавҳарнигор

Бидоду биёмад ба сӯи Хутан,
Ҳаме рой зад пеши шоҳ омадан.[1]*[2]

Чу омад ба шодӣ ба айвони хеш,
Падидор шуд дар шабистони хеш,

Ба Гулшаҳр гуфт: «Он ки хуррамбиҳишт
Надиду надонад, ки ризвон чӣ кишт.

Бубинад мар он шаҳри фархундаҷой,
Биҳишти барин аст коху сарой.[3]

Чу хуршед бар кохи фаррухсуруш,
Нишаста Сиёвахши[4] бофарру ҳуш.

Ба ромиш бипаймой лахте[5] замин,
Бирав,[6] шорсони Сиёвуш бубин.

Худованди он шаҳр некӯтар аст,
Ки гӯӣ фурӯзандаи Ховар аст.

---

1. Л –шоҳ бо янҷуман.
2. М –Або лашкари номдор анҷуман.
3. ИЛ –б. 1875 нест;
   ТПЗ – Бад-он ҷои хуррам кунун бингарад,
   Саросар бубинад, гумоне барад,
   Ки хуррамбиҳишт аст он ҷои ӯ,
   Писандида ҳам ҷою ҳам рои ӯ.
4. ИЛМ –ба оину.
5. И –фаррух.
6. И –Шаву.

www.sattor.com

Бубинӣ Фарангис бо обу тоб
Чу моҳи дуҳафта бари офтоб.[1]

В-аз он ҷойгаҳ назди Афросиёб
Ҳамерафт бар сони[2] киштӣ бар об.[3]

Биёмад,[4] бигуфт он куҷо карда буд,
Ҳамон бож, к-аз кишвар[5] оварда буд.

Ки дар кишвари Ҳинд чун разм кард,
Бадонро сар андар кашида ба гард.

В-аз он ҷо ба кори Сиёвуш расид,
Саросар ҳама ёд кард, он чи дид.[6]

Зи кори Сиёвуш бипурсид шоҳ,
Аз он шоҳ в-аз кишвару тоҷу гоҳ.[7]

Бад-ӯ гуфт Пирон, ки «Хуррам биҳишт
Касе к-ӯ бубинад дар урдибиҳишт,[8]

---

1. ИЛ –б. 1879 нест.
2. И –монанди.
3. Л –пас азб. 1880 ин б. омада:
   Чу Пирон аз он ҷой баргашт шод,
   Биёмад бари шоҳи Турон чу бод.
4. Л –Сипаҳбуд; И –ба вақт ӯ.
5. Л –низ, к-аз кӯшан; И –божи кишвар, ки.
6. Л –пас аз б. 1883 ин б. омада:
   Бипурсид аз ӯ шаҳрёри баланд,
   Зи холи Сиёвуш в-аз чуну чанд.
7. Л – В-аз он шаҳр в-аз кишвару ҷойгоҳ
   Якояк ҳама бозпурсид шоҳ
   Бад-ӯ гуфт Пирон, ки, «Эй шоҳи даҳр,
   Зи фаррат ҳама ҳалкро ҳаст баҳр.
8. Л – Касоне, ки ҳангоми урдибиҳишт
   Надида бубинанд хуррам биҳишт.

www.sattor.com

Ҳамоно надонад аз он шаҳр боз,
На[1] хуршед аз он меҳтари сарфароз.[2]

Яке шаҳр дидам, ки андар замин
Набинад чунон кас ба Турону Чин.

Зи бас боғу[3] айвону оби равон
Баромехт, гуфтӣ, хирад бо равон.

Гала[4] кард бояд ба гетӣ яла
Туро чун набошад ба[5] чизе гила.

Чу кохи Фарангис дидам зи дур
Чу ганҷи гуҳар буд бар сони нур.

Гар эдун, ки ояд зи минӯ суруш
Набошад бад-он фарру аврангу ҳуш.

Бад-он зебу оин, ки домоди туст,
Ба хубӣ ба коми дили шоди туст.

Ва дигар, ки ду кишвар аз ҷангу ҷӯш
Баросуду[6] чун беҳуш омад ба ҳуш.

Бимонод бар ту чунин ҷовидон
Дили ҳушмандону рои радон!»

---

1. И –Зи.
2. ТПЗЛ – Сиёвуш яке ҷойгаҳ сохт нағз
   Писандидаи мардуми покмағз*.
   Магар худ суруш оваридаш хабар
   Ки чунон нигорид он шаҳру бар.

   * Л –Танҳо, б. якум дида шуд.
3. Л –Зи боғу зи.
4. И –Нигаҳ.
5. И - зи.
6. Л –Баросуда.

www.sattor.com

Зи гуфтори ӯ шод шуд шаҳрёр,
Ки шохи барӯмандӣ[1] омад ба бор.

ФИРИСТОДАНИ АФРОСИЁБ ГАРСЕВАЗРО НАЗДИ СИЁВУШ

Ба Гарсеваз[2] он достонҳо бигуфт,
Нуҳуфта бурун оварид аз нуҳуфт:

«Бирав[3] шодмон то Сиёвахшгирд,
Бубин, то чӣ ҷой аст,*[4] баргард гирд.

Сиёвуш ба Туронзамин дил ниҳод
В-аз Эрон нагирад ҳаме ҳеч ёд.

Чу ӯ кард падруд тахту кулоҳ,
Чу Гурдарзу Баҳрому Ковусшоҳ.

Набинад ҳаме*[5] Рустами Золро,
Нагирад ба каф гурзу кӯполро.[6]

Ба ҷое, ки будӣ ҳама бум хор[7]
Бисозид шаҳре чу хуррамбаҳор.[8]

Фарангисро кохҳои баланд
Баровардаву дорадаш[9]*[10] арҷманд.

---

1. Илм –барӯмадаш.
2. ИЛ -Гаршеваз.
3. И –Ки рав.
4. М –кардаст.
5. М –ҳамон.
6. ИЛ – Бад-он хуррамӣ дар яке хорсон.
   Ҳаме буму бар созаду шорсон.
7. Л –буд буми он хорсор.
8. И –б. 1901 нест.
9. Л – Ба шодӣ дар он кохҳои баланд
   Нишонда Фарангисро; И - дорад ҳаме.
10. М –Бароварду дорад ҳаме.

www.sattor.com

Ва*[1] бархезу барсоз кору бирав,
Ба назди Сиёвахши озода шав.[2]

Чу бар тахт бинӣ[3]*[4], фаровон магӯй,*[5]
Ба чашми бузургӣ нигаҳ кун бар ӯй.

Чу нахчиру май бошаду дашту кӯҳ,
Нишинанд пешат фаровон[6]*[7] гурӯҳ[8].

Ба пеши бузургон гиромиш дор,
Ситоиш куну низ номиш дор.[9]

Яке ҳадяе соз бисёрмар
Зи динору аспу зи тоҷу[10] камар.

Ҳамон гавҳари тахту*[11] дебои Чин,
Ҳамон ёраву гурзу теғу нигин.[12]

Зи густурданиҳову аз бӯю ранг
Бубин, то зи ганҷат чӣ ояд ба чанг.

---

1. М –Ту.
2. ИЛ - б. 1903 нест.
3. И –Чу пешаш расидӣ.
4. М –биниш, хубӣ.
5. М –бигӯй.
6. И –Зи Эрон.
7. М –аз Эрон.
8. ТПЗ – Бад-он гаҳ ки ҷоми май ояд ба даст,
Чу хӯрдӣ, ба шодӣ бубояд нишаст.
9. Л –б. 1906 нест.
10. Л –силеҳу.
11. М –тоҷи бо фарру.
12. Л – Яке тоҷ бо фарши дебои Чин
Ҳамон афсару теғу гурзу нигин;
И – Ҳам аз дебаву тахту зарбафти Чин
Ҳам аз ёраву гурзу теғу нигин;
ТПЗИЛ – Зи зарру забарҷад* нисори гарон
Шумурда зи** ҳар гунае гавҳарон.
* Л –динор бояд. ** Л –Шумурданд.

www.sattor.com

Фарангисро ҳадя бар ҳамчунин,[1]
Бирав бо забони пур аз офарин.

Агар шоду хандон*[2] бувад мизбон,
Бад-он шаҳри хуррам ду ҳафта бимон».[3]*[4]

Нигаҳ кард Гарсевази[5] номдор
Саворони Турон гузида ҳазор.

Ханида савор андароввард гирд
Бишуд тозиён то Сиёвахшгирд.[6]

Сиёвуш чу бишнид, омад ба роҳ,
Пазира шудаш тозиён бо сипоҳ.

Гирифтанд мар якдигарро канор
Сиёвуш бипурсидаш аз шаҳрёр.

Ба айвон кашиданд[7] аз он ҷойгоҳ,
Сиёвуш биёрост оромгоҳ.[8]

Дигар рӯз Гарсеваз омад пагоҳ[9],
Биёвард бо ҳадя пайғоми шоҳ.

Сиёвуш бад-он хилъати[10] шаҳрёр
Нигаҳ карду шуд чун гул андар баҳор.

1. Л –инчунин.
2. М –обдорат.
3. Л –баъд аз б. 1911 ин б. омада:
   Ду ҳафта бибошу биёсой рӯз
   Ба некахтару фоли гетифурӯз.
4. М –бимон шодмон.
5. Л –Гаршеваз.
6. И –б. 1911 -1913 нест.
7. И –бирфтанд.
8. ЛМ –ҷои сипоҳ.
9. Л –Гаршеваз омад зи роҳ.
10. И –хадяи.

www.sattor.com

Нишаст аз бари бораи гомзан,
Саворони Эрон шуданд анҷуман.

Ҳама шаҳру барзан якояк[1*2] бад-ӯй
Намуду сӯи кох бинҳод рӯй.

ЗОДАНИ ФУРУД - ПИСАРИ СИЁВУШ

Ҳамон гаҳ ба назди Сиёвуш чу бод
Биёмад саворе, варо мужда дод,

Ки аз духтари паҳлавони сипоҳ
Яке кӯдак омад чу тобанда[3*4] моҳ.

Варо ном карданд фаррух Фуруд,
Ба тирашаб-андар чу Пирон шунуд,

Ҳамон гаҳ маро бо савори дигар
Бигуфто,[5] ки рав, шоҳро мужда бар.

Ҳамон модари кӯдаки арҷманд,
Ҷарира сари бонувони баланд

Бифармуд хуфта ба фармонбарон
Задан дасти он хурд дар[6] заъфарон.

Ниҳоданд бар пушти он номабар,
Ки назди Сиёвахши[7] худкома бар.

1. Л –ҳамон гаҳ; И –саросар.
2. М –шаҳр барзан ба барзан.
3. Л –ба монанди.
4. М –Ҳамонанди.
5. И –Бигуфт ин ки.
6. ЛМ –бар.
7. ИЛ –Сиёвуши.

www.sattor.com

Бигӯяш, ки ҳарчанд ман солх(в)ард
Будам, некяздон[1] маро шод кард.

Сиёвуш бад-ӯ гуфт: Гоҳи меҳӣ
Аз ин бачча ҳаргиз мабодо тиҳӣ!

Фиристодаро дод чандин[2] дирам,
Ки оранда гашт аз кашидан дижам.

Чу бишнид Гарсеваз[3] он мужда, гуфт,
Ки «Пирон шуд имрӯз бо шоҳ ҷуфт».

Ба кохи Фарангис рафтанд шод,
Варо низ аз он достон мужда дод.

Фарангисро дид бар тахти оҷ,
Ниҳода ба сар-бар зи фирӯза тоҷ.[4]

Парастор чанде ба зарринкулоҳ
Ситода ҳама моҳрух пеши моҳ.[5]

Фуруд омад аз тахту бурдаш намоз,[6]
Бипурсидаш аз ранҷи роҳи дароз.[7]

Дилу мағзи Гарсеваз[8] омад ба ҷӯш,
Дигаргунатар шуд ба оину ҳуш.

---

1. ИЛ –покяздон.
2. И –чандон.
3. ИЛ –Гаршеваз.
4. И –б. 1933 нест.
5. В – Фарангис бо тоҷ дар пешгоҳ;
   ТПЗ – Чу чашми Фарангис ӯро бидид,
   Ту гуфтӣ равон аз танаш бардамид.
6. И –кардаш нисор.
7. И –аз шахр в-аз шахрёр.
8. ИЛ –Гаршеваз.

www.sattor.com

Ба дил гуфт, соле бар ин[1] бугзарад,
Сиёвуш касеро ба кас нашмарад.

Ҳамаш подшоҳиву ҳам тахтгоҳ,
Ҳамаш ганҷу ҳам буму бар, ҳам сипоҳ.

Ниҳони дили хеш пайдо накард,
Ҳаме буд печону[2] рухсора зард.

Бад-ӯ гуфт: «Бар хӯрдӣ аз ранҷи хеш,
Ҳамасола шодондил аз ганҷи хеш».

Ниҳоданд дар кох заррин ду тахт,
Нишастанд шодондилу некбахт.

Навозандаи руд бо майгусор
Биёмад бари тахти гавҳарнигор.

Зи нолидани ною руду суруд
Зи[3] шодӣ ҳаме дод дилро дуруд.

ГУФТОР АНДАР ГӮЙ ЗАДАНИ СИЁВУШ

Чу хуршеди тобанда бикшод роз,
Ба ҳар ҷой бинмуд чеҳр аз фароз,

Сиёвуш аз айвон ба майдон гузашт,
Ба бозӣ ҳаме гирди майдон бигашт.

Чу Гарсеваз омад, бияндохт гӯй,
Сипаҳбад сӯи гӯй бинҳод рӯй.

Чу ӯ гӯй дар хамми ҷавгон гирифт,
Ҳамоварди ӯ хоки майдон гирифт.

1. И –чунин; Лм –дигар.
2. И –печон ду.
3. И –Ба.

www.sattor.com

Зи чавгони ӯ гӯй шуд нопадид,
Ту гуфтӣ сипеҳраш ҳаме баркашид.

Чунин гуфт бо лашкари номҷӯй,
Ки майдон шуморову чавгону гӯй.[1]

Чу гурдон ба майдон ниҳоданд рӯй,
Зи туркон ба тундӣ*[2] бибурданд гӯй.

Сиёвуш аз эрониён шод шуд,
Ба сони яке сарви озод шуд.[3]

Бифармуд, то тахти заррин ниҳанд,
Ба майдони пархош ҷӯпин ниҳанд.

Ду меҳтар нишастанд бар тахти зар,
Бад-он, то киро барфарозад гуҳар.[4]

Саворон ба майдон ба кирдори гард
Ба ҷӯпин гирифтанд нангу набард.[5]

Бад-ӯ гуфт Гарсеваз: «Эй шаҳрёр,
Ҳунарманд в-аз хусравон ёдгор,

---

1. ТПЗИ – Дигар раҳ чу дар рӯи майдон фитод,
Расид андар он меҳтари кайнажод,
Дигарбора дар захми* чавгон фиканд.
Ту гуфтӣ зи тан ҷони туркон биканд**.
Сӯи гӯй*** гурдону кундоварон
Барангехтанд асп аз ҳар карон.
Ба тундӣ ду лашкар ҳаме тохтанд.
Кучо бар гарав**** гӯй мебохтанд.
* И –ҳамми чавгон гирифт. ** И –гирифт: *** И –саворону. **** И –Бар абрӯ кажу.
2. М –Ба зудӣ зи туркон.
3. Л –б. 1949 -1951 нест.
4. 3 Л –ҳунар.
5. ТПЗ –Ба як ҷой гурдон барангехтанд,
Зи Турону Эрон баромехтанд.

www.sattor.com

Ҳунар бар гуҳар низ карда гузар,
Сазад, гар намоӣ ба туркон ҳунар.

Ба нӯки синону ба тиру камон
Ҳунарҳо падидор[1]*[2] кун як замон».

Ба бар зад Сиёвуш бад-он кор панҷ,
Ки аз як зиреҳ тан расидӣ ба ранҷ.

Ниҳоданд бар тарфи овардгоҳ,
Назора бар ӯ-бар зи ҳар сӯ сипоҳ.

Сиёвуш яке найзан шоҳвор,
Куҷо доштӣ аз падар ёдгор,

Ки дар ҷанги Мозандарон доштӣ,[3]
Ба нахчиру бар шер бугзоштӣ,[4]

Ба овардгаҳ рафт найза ба даст,
Инонро бупечид чун пили маст

Бизад найзаву баргирифт он зиреҳ,
Зиреҳро намонд эч банду гиреҳ.[5]

Зи овард найза баровард рост,
Зиреҳро бияндохт он сӯ, ки хост.

Саворону Гарсевази размсоз
Бирафтанд бо найзаҳои дароз.

1. Л –дошт ӯй.
2. М –инон тобу овард.
3. Л –Инон тоба овард.
4. Л –Ба нахчир наршер нагзошт ӯй.
5. М –б. 1964 нест.

www.sattor.com

Фаровон бигаштанд гирди зиреҳ,
Зи майдон зиреҳ - бар нашуд[1] як гиреҳ.

Сиёвуш сипар хост гелӣ чаҳор,
Ду ҷавшан дигар з-оҳани обдор.

Камон хост бо тирҳои хаданг,
Шаш андар миёну се чӯба*[2] ба чанг.

Яке дар камон ронду бифшорд рон,
Назора ба гирдаш[3] сипоҳ обдор.

Бар он чор испар ду ҷавшан дигар
Гузар кард тири шаҳи номвар.

Бизад ҳам бар он гуна даҳ чӯба*[4] тир,
Бар ӯ офарин кард[5] барнову пир.

Аз онҳо яке бе гузора намонд,
Ҳаме ҳар касе номи Яздон бихонд.

Бад-ӯ гуфт Гарсеваз;[6] «Эй шаҳрёр,
Ба Эрону Турон туро нест ёр.

Биё, то ману ту ба овардгоҳ
Битозем ҳар ду ба пеши сипоҳ.

Бигирем ҳар ду дуволи камар
Ба кирдори ҷангӣ ду пархошвар.

1. И –на бар шуд зиреҳ.
2. М –якеро.
3. И –бар ӯ-бар.
4. М –сечӯба.
5. ЛМ –хонд.
6. ИЛ –Гаршеваз.

www.sattor.com

Зи туркон маро нест ҳамто касе,
Чу аспам набинӣ зи аспон басе.[1]

В-аз эронсипаҳ нест ҳамтои ту,
Ҳамоварди ту ё ба болои ту.

Гар эдун ки бардорамат ман зи[2] зин,
Туро ногаҳон барзанам бар замин,

Чунон дон, ки аз ту диловартарам,*[3]
Ба мардиву нерӯ[4] зи ту бартарам.*[5]

В-агар ту маро барниҳӣ бар замин
Нагардам ба ҷое, ки ҷӯянд кин».

Сиёвуш бад-ӯ гуфт к-«Ин худ магӯй,
Ки ту меҳтарӣ, шери пархошҷӯй.

Ҳамон аспи ту шоҳи аспи ман аст,
Кулоҳи ту озаргушаспи ман аст.

Ҷуз аз ту, зи Турон касе баргузин,
Ки бо ман бигардад на аз роҳи кин».

Бад-ӯ гуфт Гарсеваз,[6] «Эй номҷӯй,
Зи бозӣ зиёне наёяд ба рӯй,

Ки овард гиранд бо якдигар,
Бигиранд як -ду[7] дуволи камар».

1. Л –Гар оянд аз эшон ба пешам басе.
2. И бардорам аз пушти.
3. М –тановартарам.
4. М –аспу ба майдон диловартарам.
5. Л –Ба обу ба мардӣ.
6. ИЛ –Гаршеваз.
7. Л –ҳар ду.

www.sattor.com

Сиёвуш бад-ӯ гуфт, к-«Ин рой нест,
Маро бо набарди ту худ пой нест.

Набарди ду тан ҷанги майдон бувад
Пур аз хашм агар чеҳр[1], хандон бувад.

Зи гетӣ бародар туӣ шоҳро,
Ҳаме зери наъл оварӣ моҳро.

Кунам ҳар чи гӯӣ, ба фармони ту
В-аз ин нашканам*[2] рою паймони ту.

Зи ёрон яке шери ҷангӣ бихон,
Бар ин тезтаг борагӣ барнишон.[3]

Гар эдун, ки роят набарди ман аст,
Сари саркашон зери гарди ман аст.

Бикӯшам, ки нангӣ нагардам ба кор
Ба наздики он номвар шаҳрёр».

Бихандид Гарсевази номҷӯй
Ҳамоно хуш омад-ш гуфтори ӯй.

Ба туркон чунин гуфт, к-«Эй саркашон,
Кӣ хоҳад, ки гардад ба гетӣ нишон?

Яке бо Сиёвуш набард оварад,
Сари саркашон зери гард оварад».

Нияюшанда буданду лаб бо гиреҳ,
Ба посух биёмад Гурӯи Зиреҳ.

1. М –Бар ин бишканам.
2. Л –чеҳра.
3. И –б. 1990 -1991 нест.

www.sattor.com

«Манам, - гуфт, - шоистаи коркард,
Агар нест ӯро касе ҳамнабард».

Сиёвуш зи гуфти Гурӯи Зиреҳ
Бурӯ пур зи чин карду рух пургиреҳ.

Бад-ӯ гуфт Гарсеваз, «Эй шаҳрёр,
Зи гурдони лашкар варо нест ёр».

Сиёвуш бад-ӯ гуфт, к-«Аз ту гузашт,
Набарди бузургон маро хор гашт.

Аз эшон ду ял бояд*[1] ороста,
Ба майдон набарди маро хоста».

Дигар саркаше буд номаш Дамур,
Ки ҳамто набудаш ба Турон ба зӯр.

Чу бишнид гуфти Сиёвуш,*[2] чу дуд
Биёмад, набардаш басечид зуд.[3]

Бирафтанд печон Дамуру Гурӯй,
Сиёвуш ба овард бинҳод рӯй.

Ба банди миёни Гурӯи Зиреҳ
Фурӯ бурд чанголу барзад гиреҳ,[4]

Зи зин баргирифташ, ба майдон фиканд,
Ниёзаш наёмад ба гурзу каманд.

В-аз он пас бипечид сӯи Дамур,
Гирифташ бару гардани ӯ ба зӯр.

---

1. М – бошад.
2. М – гуфти Сиёвуш шунидаш.
3. ИЛ – б. 2003, 2004 нест.
4. ТПЗ – Сиёвуш гирифташ дуволи камар
Намудаш зи бозуи фаррух ҳунар.

www.sattor.com

Чунон хораш аз пушти зин баргирифт,
Ки монданд гарданкашон[1] дар шигифт.*[2]

Чунон пеши Гарсеваз овард х(в)аш,
Ту гуфтӣ, яке мурғ дорад ба каш.[3]

Фуруд омад аз аспу бифшорд даст,
Пур аз ханда бар тахти заррин нишаст.

Барошуфт Гарсеваз аз кори ӯй,
Ғамӣ шуд дилаш, зард русори ӯй.

В-аз он тахти заррин ба айвон шуданд,
Ту гуфтӣ, ки бар авҷи кайвон шуданд.

Нишастанд як ҳафта бо руду май
Ҳама номдорони[4] фархундапай.

Ба ҳаштум ба рафтан гирифтанд соз,
Сиёвуш ҳама ҳар чи будаш ба роз,

Яке нома бинвишт наздики шоҳ,
Пур аз лобаву пурсиши некхоҳ.

В-аз он пас мар ӯро басе ҳадя дод,
Бирафтанд аз он шаҳри обод шод.

Фаровон бигуфтанд бо якдигар,
Аз он пурҳунар шоҳу он буму бар.

Чунин гуфт Гарсевази кинаҷӯй,[5]
Ки «Моро бад омад зи Эрон ба рӯй.

---

1. И – Ки гурдон бимондан аз ӯ.
2. М – пур шигифт.
3. Л – б. 2010 нест.
4. И – паҳлавонони.
5. И – Гаршевази зиштхӯй.

www.sattor.com

Яке мардро шоҳ аз Эрон бихонд,
Ки аз нанг моро ба хун дарнишонд.[1]

Ду шери жиён чун Дамуру Гурӯй,
Ки буданд гурдони пархошҷӯй,

Чунон зору бечора[2] гаштанд хор,
Зи[4] чанголи нопокдил як савор.

Саранҷом аз ин бугзаронад[3] сухун,
На сар бинам ин кори шаҳро,[4] на бун».[5]

БОЗГАШТАНИ ГАРСЕВАЗ ВА БАДГӮӢ КАРДАН ПЕШИ АФРОСИЁБ

Чунин то ба даргоҳи Афросиёб
Бирафту накард эч орому хоб.

Чу наздики солори туронсипоҳ
Расиду бипурсид ҳар гуна шоҳ.

Фаровон сухан гуфту нома бидод,
Бихонду бихандиду баргашт шод.

Нигаҳ кард Гарсевази[6] номдор,
Бад-он тоза рухсораи шаҳрёр.

Ҳаме буд якдил пур аз кину дард,
Бад-он гаҳ, ки хуршед шуд лоҷвард,[7]

1. И – б. 2020 нест.
2. Л – бекор.
3. Л – Ба.
4. ИЛ – бугзаронам.
5. И – кор пайдо.
6. Л – На саррост ин кор, на низ бун.
7. ИЛ – Гаршеваз.

www.sattor.com

Ҳама шаб бипечид, чун*[1] рӯзи пок
Ҳаме ҷомаи қиргун кард чок,*[2]

Сари марди кина наёмад[3] ба хоб,
Биёмад ба наздики Афросиёб.

Зи бегона пардахта[4] карданд ҷой,
Нишастанду гуфтанд[5] ҳар гуна рой.

Бад-ӯ гуфт Гарсеваз: «Эй шаҳрёр,
Сиёвуш дигар дорад оину кор.

Фиристода омад зи Ковусшоҳ
Ниҳонӣ ба наздики ӯ чанд гоҳ.

Зи Руму зи Чин низаш омад паём,
Ҳаме ёди Ковус гирад ба ҷом.

Бар ӯ анҷуман шуд фаровон сипоҳ,
Бупечид аз ӯ ногаҳон[6] ҷони шоҳ.

Агар Турро дил нагаштӣ дижам,
Зи[7] гетӣ ба Эраҷ накардӣ ситам.

Ду гавҳар[8] – яке оташу дигар об,
Ба дил як зи дигар гирифта шитоб.

---

1. М – то.
ТПЗ – Биёмад зи пеши рад Афросиёб
Ба кину дуруштӣ гирифта шитоб.
2. М – Ҳаме буд чун мор ғалтон ба хок.
3. Л – кин андаромад.
4. Л – пардахт.
5. ЛМ – ҷустанд.
6. Л – Напечад аз ӯ як замон.
7. И – ба.
8. ЛМ – кишвар; И – лашкар.

www.sattor.com

Ту хоҳӣ, ки бар*[1] хира ҷуфт оварӣ,
Ҳаме*[2] бодро дар нуҳуфт оварӣ.

Агар кардаме бар ту ин бад ниҳон,
Маро зиштномӣ будӣ дар ҷаҳон».[3]

Дили шоҳ аз ин[4] кор шуд дардманд,
Пур аз ғам шуд аз рӯгори нажанд.*[5]

Бад-ӯ гуфт: «Бар ман туро меҳри хун
Бичунбиду шуд мар*[6] туро раҳнамун.

Се рӯз андар ин кор рой оварем,
Суханҳои беҳтар ба ҷой оварем.

Чу ин кор гардад хирадро дуруст,
Сари ришта[7] он гоҳ*[8] бояд-т ҷуст».[9]

Чаҳорум чу Гарсеваз омад ба дар,
Кулаҳ бар сару танг баста камар,

Сипаҳдори Турон варо пеш хонд,
Зи кори Сиёвуш фаровон биронд.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй ёдгори Пашанг,
Чӣ дорам ба гетӣ ҷуз аз ту[10] ба чанг?

---

1. М – кишон.
2. М – Агар.
3. Л – Агар.
4. ИЛ – он.
5. М – Пурандеша аз рӯзгори газанд.
6. М – дил.
7. И – кор; Л – роҳ.
8. М – Бигӯям, ки дармон чӣ бояд-т.
9. ТПЗ – Чу се рӯз бигзашт, Афросиёб
   Ҳаме зад ба тадбир дар оташ об.
10. И – ба ҷуз ту.

www.sattor.com

Ҳама розҳо бар ту бояд кушод,
Ба жарфӣ бибин, то чӣ ояд-т ёд.

Аз он хоби бад шуд дили ман ғамӣ,[1]
Ба мағз[2] андаровард лахте камӣ.

Набастам ба ҷанги Сиёвуш миён,
Наёмад аз ӯ низ моро зиён.

Чу ӯ*[3] тахти пурмоя падруд кард,
Хирад тору меҳри[4] маро*[5] пуд кард.

Зи фармони ман як замон сар натофт,
Зи ман ӯ ба ҷуз некуиҳо наёфт.[6]

Супурдам бад-ӯ кишвару ганҷи хеш.
Накардем ёд аз ғаму ранҷи хеш.

Ба хун низ пайвастагӣ сохтам,[7]
Дил аз кини Эрон бипардохтам.[8]

Напечидам аз ганҷу фарзанд рӯй,[9]
Гиромӣ ду дида супурдам бад-ӯй.

Пас аз некуиҳову сад гуна ранҷ,
Фидо*[10] кардани кишвару тоҷу ганҷ[11]

1. И – Аз ин хоби бад худ дилам буд ғамӣ.
2. И – мағзи сар овард.
3. М – Чунон.
4. ИЛ – тор карду.
5. М – тор карду ҳунар.
6. ИЛ – Чу аз ман чунон некуиҳо биёфт.
7. ИЛ –сохтем.
8. ИЛ –бипардохтем.
9. Л –Бипечидам аз ҷанги ӯ низ рӯй.
10. М –ҷудо.
11. И –б. 2055 нест.

www.sattor.com

Гар эдун, ки ман бад сиголам бад-ӯй,
Зи гетӣ барояд басе гуфтугӯй.

Бар ӯ-бар баҳона надорам ба бад,
Гар аз ман бад-ӯ андаке бад расад,

Забон баркушоянд бар ман меҳон,
Дурафше шавам дар миёни ҷаҳон.[1]

Зи дад тездандонтар аз шер нест,
Ки андар дилаш бими шамшер нест,

Агар баччаи ӯ шавад дардманд,
Кунад марғзоре табоҳ аз газанд.

Агар мо бишӯрем бар бегунох,[2]
Писандад куҷо[3] довари хуру моҳ?!

Надонам ҷуз он к-аш бихонам ба бар[4*5]
В-аз эдар фиристам-ш сӯи падар.

Агар гоҳ ҷӯяд, гар ангуштарӣ
Аз ин буму бар бигсилад доварӣ».

Бад-ӯ гуфт Гарсеваз: «Эй шаҳрёр,
Магир инчунин кори пурмоя хор.

Аз эдар гар ӯ сӯи Эрон шавад,
Бару буми мо пок вайрон шавад.[6]

---

1. ТПЗИЛ – Наёяд* писанди ҷаҳонофарин
На низ** аз бузургони рӯи замин.
* И –Набошад. ** Л –пеши.
2. Л –Сазад, гар бад ояд аз ӯ бар ниёҳ; И –Сазад,гар бад ояд аз ӯ бар панох.
3. Л –чунин.
4. Л –Надонам ҷуз он, к-аш нахонам писар.
5. М –писар.
6. Л –б. 2063 -2065 нест.

www.sattor.com

Ҳар он гаҳ ки бегона шуд хеши ту,
Бидонист рози каму[1] беши ту.[2]

Бар ин достон зад яке раҳнамун,
Ки боде, ки аз хона ояд бурун,[3]

Набинӣ аз ӯ ҷуз ҳама дарду ранҷ.
Парокандани дудаву ному ганҷ.

Надонӣ,[4] ки парвардгори паланг
Набинад зи парварда ҷуз дарду*[5] ҷанг».

Чу Афросиёб ин сухан боз ҷуст,
Ҳама гуфти Гарсеваз[6] омад дуруст.

Пушаймон шуд аз рою кирдори хеш,
Ҳама*[7] тира донист бозори хеш.

Чунин дод посух, ки «Ман з-ин*[8] сухун
На сар нек бинам падиду на бун.

Бибошем,[9] то кори*[10] гардонсипеҳр
Чи гуна кушояд бар ин кор чеҳр.

---

1. И –аз кам в-аз.
2. ТПЗИ - Аз ӯ хештанро нигаҳдор бош,
   Шабу рӯз бедору ҳушёр бош.
   Чу бишнохт ӯ роҳи* сомони ту,
   Тавонад бадӣ кард бар ҷони ту.

   * И –рози.
3. М -кину.
4. ТПЗ – Надонанд дармони онро ба банд
   Агар бад нахоҳӣ, ту менӯш панд.
   Ба дармони ӯ кай расидан тавон,
   Сухан бишнав, эй шаҳрёри ҷаҳон.
5. Л –Ту донӣ.
6. ИЛ –Гаршеваз.
7. М –ҳаме.
8. М –ин.
9. ИЛ –Бубинем.
10. М –рози.

www.sattor.com

Ба ҳар кор беҳтар диранг аз шитоб,
Бимон, то битобад бар ин офтоб.

Бубинам, ки рои ҷаҳондор чист,
Рухи шамъи чархи равон сӯи кист.

В-агар сӯи даргоҳ хонам-ш боз,
Бичӯям сухан, то чӣ дорад[1] ба роз.

Нигаҳбони ӯ ман басам, бегумон,
Ҳаме бингарам, то чӣ гардад замон.

Чу з-ӯ ин кажӣ ошкоро шавад,
Ба ночор дил бемудоро шавад,

Аз он пас накӯҳиш набошад[2] зи кас,
Мукофоти бад ҷуз бадӣ нест бас».

Чунин гуфт Гарсевази кинаҷӯй,
Ки «Эй шоҳи бинодили ростгӯй,

Сиёвуш бад-он олату фарру гурз,
Бад –он эзадидасту он теғу гурз,

Наёяд ба даргоҳи ту бесипоҳ,
Шавад бар ту- бар тира хуршеду моҳ.

Сиёвуш на он аст, к-аш дид шоҳ,
Ҳаме б-осмон барфарозад кулоҳ.

Фарангисро ҳам надонӣ ту боз,
Ту гӯӣ шудаст аз ҷаҳон бениёз.

1. И –ронад.
2. Л –наёяд; И –наёбам.

www.sattor.com

Сипоҳат бад-ӯ боз гардад ҳама
Набошад шубон, чун набошад рама.*[1]

Сипоҳе, ки бинанд шоҳе чун ӯй.
Бад-он бахшишу рою тобанда рӯй,

Нахоҳанд аз он пас ба шоҳӣ туро,
Бара гоҳи[2] ӯрову моҳӣ туро.

Ва дигар, ки аз[3] шаҳри ободи ӯй,
Чунон буми[4] фархундабунёди ӯй,

Ту хониш, к-эдар[5]*[6] маро банда бош,
Ба хориву зорӣ таноганда бош?[7]

Надидаст кас хуфта[8] бо пил шер
На оташ дамон аз бару об зер.

Агар баччаи шери нохӯрдашир
Бипӯшад касе дар миёни ҳарир,

Диҳад нӯш ӯро зи ширу шакар,
Ҳамеша варо парваронад ба бар,[9]

Ба гавҳар шавад боз, чун шуд бузург,
Натарсад зи оҳанги пили сутург».

1. М –Битарсам, ки бошӣ шубон берама.
2. И –Ҳамал гардад.
3. И –к-аз он.
4. И –буд.
5. Л –хинӣ, ки эдар; И –Бихонӣ, ки эдар.
6. М –хоҳӣ, ки эдар/
7. И –Ба хорӣ ба меҳри ман оганда бош; Л –Ба хорию рои ман оганда бош.
8. И –ҷуфт.
9. ИЛ –б. 2092 нест.

www.sattor.com

Дили номдор[1] андар он баста шуд,
Ғамӣ буд пурандешаву хаста шуд.[2]

2095 Ҳаме аз шитобаш беҳ омад диранг,
Ки пирӯз бошад худованди санг.

Ситуда набошад сари бодсор,
Бар ин достон зад яке ҳушёр,

Ки гар бод хира начастӣ*[3] зи ҷой,
Магар ёфтӣ чеҳраву дасту пой?

Сабуксор мардум на воло бувад,
Агарчи гави сарвболо бувад.[4]

Бирафтанд печону лаб[5] пурсухан,
Пур аз кин дил аз рӯзгори куҳан.

2100 Бари шоҳ рафтӣ замон то замон
Бадандеш Гарсевази[6] бадгумон.

Зи ҳар гуна ранг андаромехтӣ,
Дили шоҳи Турон барангехтӣ.

Чунин то баромад бар ин рӯзгор,
Пур аз дарду кин шуд дили шаҳрёр.

Сипаҳбад чунин кард*[7] як рӯз рой,
Ки пардахта монад зи бегона ҷой.

---

1. ИЛМ –Пас Афросиёб.
2. ИЛМ – Ғамӣ гашту андеша пайваста шуд;
   ТПЗ – Бад-ӯ гуфт, к-ин рой бояд басе
   Наёрад шитоб андар ин ҳар касе.
3. М –биҷастӣ.
4. И –нишеб аст ҷое, ки боло бувад.
5. И –печон лабон.
6. Л –Гаршеваз.
7. М –чунон дид. *2

www.sattor.com

Ба Гарсеваз[1] ин достон баркушод,
Зи кори Сиёвуш ҳаме кард ёд.

Туро[2] гуфт, аз эдар бибояд шудан,
Бари ӯ фаровон бибояд будан.

Бипурсиву гӯӣ бад-он ҷашнгоҳ
Нахоҳӣ ҳаме кард касро нигоҳ.

Ба меҳрат дили ман бичунбад зи ҷой[3],
Яке бо Фарангис хез, эдар[4] ой!

Ниёз аст моро*[5] ба дидори ту,
Бад-он пурҳунар ҷони бедори ту.

Бар ин кӯҳи мо низ нахчир ҳаст,
Ба ҷоми забарҷад маю шир ҳаст.

Гузорем якчанду бошем шод,
Чу ояд-т аз шаҳри обод ёд.

Ба ромиш бибошу ба шодӣ хиром,
Маю ҷом бо мо[6] чаро шуд ҳаром?

Тиҳӣ кун дил аз ҷойгоҳи каён,
Ба рафтан камар сахт кун бар миён.

1. ИЛ –Гаршеваз.
2. ИЛМ –Варо.
3. ИМ –Сазад, гар бичунбӣ ҳамоно зи ҷой. И –Ҳамоно беҳ аст, ар бичунбӣ зи ҷой.
4. ИЛ –андар.
5. М –шаҳро.
6. И –рӯд бо ман.

www.sattor.com

БОЗ ОМАДАНИ ГАРСЕВАЗ БА НАЗДИ СИЁВУШ

Баророст[1] Гарсевази[2] домсоз,[3]
Дили пур зи кина, сари пур зи роз.

Чу наздики шаҳри Сиёвуш расид,
Зи лашкар забоноваре баргузид.

Бад-ӯ гуфт: «Рав, бо Сиёвуш бигӯй,
Ки, эй номварзодаи[4] номҷӯй,

Ба ҷону сари шоҳи туронсипоҳ,
Ба ҷону сару тоҷи Ковусшоҳ,

Ки аз бахри ман барнахезӣ зи гоҳ,
Ба пешам пазира наёӣ ба роҳ,

Ки ту з-он фузунӣ ба фарҳангу бахт,
Ба фарру нажоду ба тоҷу ба тахт,

Ки ҳар бодро баст бояд миён,
Тиҳӣ кардан он ҷойгоҳи каён».

Фиристода назди Сиёвуш расид,
Заминро бибӯсид, к-ӯро бидид.

Чу пайғоми Гарсеваз[5] ӯро бигуфт,
Сиёвуш ба дил гашт бо дард ҷуфт.[6]

Пурандеша биншаст бедор дер,
Ҳаме гуфт[7] розест инро ба зер.

1. И –Биёрост.
2. ИЛ –Гаршевази.
3. И –корсоз.
4. И –шоҳзода гави.
5. И –Гаршеваз.
6. ИМ –Ғамӣ гашт андар нуҳуфт; Л –б. 22121 нест.
7. Л –Ба дил гуфт.

www.sattor.com

Надонам, ки Гарсевази некхоҳ
Чӣ гуфтаст аз ман бад-он пешгоҳ.[1]

Чу Гарсеваз[2] омад ба даргоҳи ӯй,
Пиёда биёмад зи айвон ба кӯй.

Бипурсидаш аз роҳ в-аз кори[3] шоҳ,*[4]
Зи расми[5]*[6] сипоҳу зи тахту кулоҳ.

Паёми сипаҳдори Турон бидод,
Сиёвуш зи пайғоми ӯ гашт шод.

Чунин дод посух, ки бо ёди ӯй.
Нагардонам аз теғи пӯлод рӯй.

Ман инак ба рафтан камар бастаам,
Инон бо инони ту пайвастаам.

Се рӯз андар ин[7] гулшани зарнигор[8]
Бибошему аз бода гирем кор,[9]

Ки гетӣ сипанҷ асту пурдарду ранҷ,
Бадон кас, ки бо ғам зияд дар сипанҷ.

Чу бишнид гуфти хирадманд шоҳ,
Бупечид Гарсевази[10] кинахоҳ.

1. ИЛ –б. 2123 нест.
2. ИЛ –Гаршеваз.
3. Л –роҳу аз гоҳи.
4. М –роҳу аз подшоҳ.
5. Л –ҷумла.
6. М –кори.
7. Л –он.
8. И –навбаҳор.
9. ИЛ –ёр.
10. ИЛ –Гаршевази.

www.sattor.com

Ба дил гуфт, ар эдун, ки бо ман ба роҳ
Сиёвуш биёяд ба наздики шоҳ,

Бад-ин шермардиву чандин хирад,
Камони маро зери пай биспарад.

Сухан гуфтани ман шавад бефурӯғ,
Шавад пеши шаҳ чораи ман дурӯғ.

2135 Яке чора бояд кунун сохтан,
Дилашро ба роҳи бад андохтан.

Замоне ҳаме буду хомуш бимонд.
Ду чашмаш ба рӯи Сиёвуш бимонд.

Фурӯ рехт аз дидагон оби зард,
Ба оби ду дида ҳаме чора кард.

Сиёвуш варо[1] дид пури оби чашм,
Ба сони касе, к-ӯ бипечад зи хашм.

Бад-ӯ гуфт нарм: «Эй бародар, чӣ буд?
Ғаме ҳаст, к-онро нашояд шунуд?

2140 Гар аз шоҳи Турон шудастӣ дижам,
Ба дида даровардӣ аз дард нам,

Ман инак ҳаме бо ту оям ба роҳ,
Кунам ҷанг бо шоҳи туронсипоҳ.

Бад-он то зи баҳри чӣ озорадат,[2]*[3]
Чаро кеҳтари хештан дорадат[4]?

---

1. И –чу ӯ.
2. Л –ба ҳарза наёзорадат.
3. М –ҳарза наёзорадат.
4. Л –баъд аз б. 2142 ин б. омада:
   Бад-он то чаро ҷӯяд озори ту,
   Чаро хорӣ орад бад-ин кори ту.

www.sattor.com

В-агар душмане омадастат падид,
Ки тимору ранҷаш набояд[1] кашид,[2]

Ман инак ба ҳар кор ёри туам.
Чу ҷанг оварӣ, моядори туам.

Вар*[3] эдун, ки наздики Афросиёб
Туро тира гаштаст бар хира об,

Ба гуфтори марди дурӯғозмой,
Касе бар ту[4] аз ту гирифтаст ҷой,

Ҳама рози ин кор бо ман биҷӯй,
Ки ман бошамат з-ин ғамон чораҷӯй.[5]

Биёям, ҳама кор некӯ кунам,
Ҳамон шoраро[6] з-он беоҳу кунам».[7]

Бад-ӯ гуфт Гарсеваз:[8] «Эй номдор,
Маро ин сухан нест бо шаҳрёр.

На аз душмане омадастам ба ранҷ,
Ки аз чора дурам ба мардиву ганҷ,

Чаро оварад бар ту ранҷу миҳан,
Шуморад туро кеҳтар аз хештан?

1. Л –бибояд.
2. И –б. 2141 -2143 нест.
3. М –Гар.
4. ИЛ –бартар.
5. И –б. 2147 нест.
6. И –Ҳама шоҳро; З –Дили шоҳро.
7. Л –б. 2148 нест;
   ТПМ – Биёям ман, ин кор осон кунам,
   Дили бадсиголон ҳаросон кунам.
8. ИЛ –Гаршеваз.

www.sattor.com

Зи гавҳар маро дар дил андеша хост,
Ки ёд омадам он суханҳои*[1] рост.

Нахустин зи Тур андаромад бадӣ,
Ки бархост з-ӯ фарраи эзадӣ.

Шунидӣ, ки бо Эраҷи камсухун
Ба оғози кина чӣ афканд бун?

Зи кори Манучеҳру Афросиёб
Шудаст оташ Эрону Турон чу об.[2]

Ба як ҷой ҳаргиз наёмехтанд,
Зи банди хирад дур бигрехтанд.

Сипаҳдори Турон аз он бадтар аст,
Кунун гови беша ба чарм-андар аст.

Надонӣ ту хӯи бадаш бегумон,
Бимон, то бароял бар ин-бар замон.

Нахустин зи Ағрирас андоза[3] гир,
Ки бар дасти ӯ кушта шуд хир-хир.[4]

Бародар зи як колбад буду*[5] пушт,
Чунон бехирад бегунаҳро бикушт.

В-аз он пас[6] басе номвар бегуноҳ
Бигаштанд бар дасти ӯ бас табоҳ.[7]

---

1. М –Бибояд сухан гуфт аз роҳи.
2. Л – Аз он ҷойгаҳ то ба Афросиёб
   Шуд ин буми Эрону Турон хароб.
3. И –андеша.
4. ИЛ –хира хир.
5. М –ҳам аз колбад ҳам зи.
6. И –эшон.
7. ИЛМ –Шудастанд бар дасти ӯ –бар табоҳ.

www.sattor.com

Маро з-ин сухан вижа андӯҳи туст,
Ки бедордил бошиву[1] тандуруст.

Ту то омадастӣ бар ин буму бар,
Касеро наёмад зи ту бад ба сар.

Ҳама*[2] мардумӣ ҷустиву ростӣ,
Ҷаҳоне ба дониш биёростӣ

Кунун хира оҳармани дилгусил
Варо аз ту кардаст пурдоғ дил.

Диле дорад аз ту пур аз дарду кин,
Надонам, чӣ хоҳад ҷаҳонофарин.

Ту донӣ, ки ман дӯстдори туам,
Ба ҳар неку бад вижа ёри туам.

Набояд, ки фардо гумоне барӣ,
Ки ман будам огаҳ аз ин доварӣ.

Бикардам туро огаҳ аз кори шоҳ,
Маро бошад аз ин нуҳуфтан гуноҳ».[3]*[4]

Сиёвуш бад-ӯ гуфт: «М-андеш аз ин,
Ки ёр аст бо ман ҷаҳонофарин.[5]

Сипаҳбад ҷуз ин карда будам умед,
Ки бар ман шаб орад ба рӯзи сапед.

---

1. И –бодиву.
2. М –ҳаме.
3. ИЛ –б. 2168 нест.
4. М –Пас аз б. 2167 ин б. омада:
   Бияндешу инро яке чора ҷӯй,
   Суханҳои хубу баандоза гӯй.
5. Л –Пас аз –б. 2169 ин б. омада:
   Пас он гаҳ чунин дод посух бад-ӯй;
   Ки эй некдил меҳтари ростгӯй.

www.sattor.com

Гар озор будиш дар дил зи ман,
Сарам бар наафрохтӣ з-анҷуман.

Надодӣ ба ман кишвару тоҷу гоҳ,
Бару буму фарзанду ганҷу сипоҳ.

Кунун бо ту оям ба даргоҳи ӯй,
Дурахшон кунам тирагун моҳи ӯй.

Ҳар он ҷо, ки равшан шавад ростӣ,
Фурӯғи дурӯғ оварад костӣ,

Намоям диламро ба Афросиёб
Дурахшонтар аз бар сипеҳр офтоб,

Ту дилро бад-ӯ*[1] шодмона мадор,
Равонро ба бад дар гумона мадор.[2]

Касе к-ӯ дами аждаҳо биспарад,
Зи рои ҷаҳонофарин бугзарад».

Бад-ӯ гуфт Гарсеваз: «Эй меҳрубон,[3]
Ту ӯро бад-он сон, ки дидӣ, мадон.

Ва дигар ба ҷое, ки гардонсипеҳр
Шавад тунду чин андарорад ба чеҳр,

Хирадманди доно надонад фусун,
Ки аз чанбари ӯ сар орад бурун.

Бад-ин донишу ин дили хушманд,
Бад-ин бурзу болову рои баланд

1. М –ба ҷуз.
2. Л –б. 2170 -2176 нест.
3. Л –Гаршеваз, эй паҳлавон.

www.sattor.com

Надонӣ ҳаме чора аз меҳр боз,
Набояд, ки бахти бад ояд фароз.

Ҳаме мар туро банду тунбал фурӯхт,
Ба чора*[1] ду чашми хирадро бидӯхт.

Нахустин,*[2] ки домод кардат ба ном,
Ба хира шудӣ з-ин сухан шодком.

Ва дигар, к-ат аз хештан кард дур,[3]
Ба рӯи бузургон ҳаме кард сур.[4]

Бад-он, то ту густох гардӣ[5] бад-ӯй,
Фурӯ монад андар ҷаҳон гуфтугӯй.

Туро ҳам зи[6] Ағрираси ҳушманд[7]
Фузун нест хешиву пайванду банд.

Миёнаш ба ханҷар ба ду ним кард.
Дили номдорон пур аз[8] бим кард.

Ниҳонаш ҳамин[9] ошкоро кунун,
Чунон*[10] дону эмин машав з-ӯ ба хун.

Хирад буду аз ҳар даре пеша буд,[11]
Маро ҳар чи андар дил андеша буд,

---

1. М –найранг.
2. М –Нахуст он.
3. И –Дувум он ки аз хештан дур кард; ЛМ –Ва дигар-т аз хештан дур кард.
4. ИЛМ –Яке сур кард.
5. ЛМ –бошӣ.
6. Л –чу.
7. ЛМ –арҷманд.
8. ИЛМ –Сипаҳро ба кирдори бад.
9. Л –ба беш; И –бубин.
10. М –Чунин.
11. ТПЗИЛ – Ҳамон озмоиш буд аз рӯзгор
    Аз ин кинавар тирадил шаҳрёр.

www.sattor.com

Ҳама пеши ту як ба як рондам,
Чу хуршеди тобанда бархондам.

Ба Эрон падарро биёндохтӣ,
Ба Турон ҳаме шорсон сохтӣ.

Чунин дил бидодӣ ба гуфтори ӯй,
Бигаштӣ ҳаме гирди тимори ӯй.

Дарахте буд ин худ нишонда ба даст,
Ки буд[1] бори ӯ заҳру баргаш кабаст».

Ҳаме гуфту мижгон пур аз об кард,
Пурафсун дилу лаб пур аз боди сард.

Сиёвуш нигаҳ кард хира бар ӯй,
Зи дида ниҳода ба рух - бар ду ҷӯй.

Ба ёд омадаш рӯзгори газанд,
К-аз ӯ бугсилад меҳр чархи баланд.

Ба рӯзи ҷавонӣ сар ояд-ш кор,
Басе барнаёяд бар ӯ рӯзгор.[2]

Дилаш гашт пурдарду рухсора зард,
Пур аз ғам равон, лаб пур аз боди сард.

Бад-ӯ гуфт: «Ҳар чун, ки мебингарам[3],
Ба бодафраи бад на андарх(в)арам.

Ба гуфтору кирдору аз пешу пас
Зи ман ҳеч нохуб нашнид кас.

1. ИЛМ –Ҳама.
2. И –Намонад бар ӯ-бар басе рӯзгор.
3. Л -ман бингарам.

www.sattor.com

Чи густох шуд даст бо ганчи ӯй,
Бупечад ҳамоно дил аз ранчи ӯй.

Агарчи бад ояд ҳаме бар сарам,
Ман[1] аз рою фармони ӯ нагзарам.

Биёям кунун бо ту ман бесипоҳ,
Бубинам, ки аз чист озори шоҳ».

Бад-ӯ гуфт Гарсеваз: «Эй номҷӯй,
Туро омадан пеши ӯ нест рӯй.

Ба пой андар оташ набояд шудан,
На бар мавчи дарё-бар эмин будан.

Ҳаме хира бар бад шитоб оварӣ,
Ҳаме[2] бахти хандон ба хоб оварӣ.

Ҳамоно туро ман басам поймард,
Бар оташ магар барзанам оби сард.

Яке посухи нома бояд навишт,
Падидор кардан ҳама хубу зишт,

Зи кин ар бубинам сари ӯ тиҳӣ,
Дурахшон шавад рӯзгори беҳӣ.

Саворе фиристам ба наздики ту,
Дурахшон*[3] кунам рои торики ту.

Умед астам аз кирдгори чаҳон,
Шиносандаи ошкору ниҳон,

1. И –Ҳам.
2. ИЛ –Сари.
3. М –Дурафшон.

www.sattor.com

Ки ӯ боз гардад сӯи ростӣ,
Шавад дур аз каҷживу костӣ.[1]

В-агар бинам андар сараш печу тоб,
Ҳаюне фиристам ҳам андар шитоб.

Ту з-он сон ки бояд, ба зудӣ бисоз,
Макун кор бар хештан-бар дароз.

На дур аст аз эдар ба ҳар[2] кишваре,
Ба ҳар номдореву ҳар меҳтаре.

Саду бист фарсанг аз эдар ба Чин
Ҳамон сесаду чил ба Эронзамин.[3]

Аз ин сӯ ҳама дӯстдори туанд,
Ҳама банда дар кору бори туанд.

В-аз он сӯ падар орзуманди туст,
Сипаҳ бандаву шаҳр*[4] пайванди туст,

Ба ҳар сӯ яке номае кун дароз,[5]
Басечида бошу диранге масоз».

Сиёвуш ба гуфтори ӯ бигравид,
Чунон ҷони бедори ӯ биғнавид.

Бад-ӯ гуфт: «Аз он дар, ки рондӣ сухун,
Зи гуфтору роят нагардам зи бун.

1. И –б. 2211 -2213 нест.
2. И –ҳама.
3. Л –б. 2217 нест.
4. М –бандаи меҳру.
5. ЛМ –ба роз.

www.sattor.com

Ту хоҳишгарӣ кун, маро з-ӯ бихоҳ,
Ҳама ростӣ*[1] ҷӯю бинмой роҳ».

НОМАИ СИЁВУШ БА АФРОСИЁБ

Дабири пижӯҳандаро пеш хонд,
Суханҳои огандаро барфишонд.[2]

Нахуст офаринандаро ёд кард,
Ки ӯ бандаро аз ғам озод кард.

Аз он пас хирадро ситоиш гирифт,
Абар[3] шоҳи Турон ниёиш гирифт.

Ки «Эй шоҳи пирӯзу[4] беҳрӯзгор,
Замона мабодо зи ту ёдгор!

Маро хостӣ, шод гаштам бад-он,[5]
Ки бодо нишасти ту бо мӯбадон.

Ва дигар Фарангисро хостӣ,
Ба меҳру вафо дил биёростӣ.

Фарангис ноланда буд ин замон,
Ба лаб ночарону ба тан ночамон.

Бихуфту[6] маро пеши болин[7] бубаст,
Миёни ду гетиш бинам нишаст.

---

1. М –Ҳамон囗囗囗 оштӣ.
2. ТПЗИЛ – Бифармуд аз вай ба Афросиёб
Яке нома равшан чу дурри хушоб.
3. И –бари.
4. ИЛ –фархунда.
5. Л –аз он.
6. Л –биҳуфта.
7. Л –бистар.

www.sattor.com

Маро дил пур аз рои дидори туст,
Равонам фурӯзон зи гуфтори туст.[1]

Зи ноландагӣ чун сабуктар шавад,
Фидои тани шоҳи кишвар шавад.

Баҳона маро низ озори ӯст,
Ниҳонӣ маро дарду тимори ӯст».

2235 Чу нома ба мӯҳр андаромад, бидод
Ба зудӣ ба Гарсевази[2] баднажод.

Диловар се аспи таковар бихост,
Ҳаме тохт яксар шабу рӯз рост.

Ба серӯза паймуд роҳи дароз
Чунон сахт роҳе нишебу фароз.[3]

Чаҳорум биёмад ба даргоҳи[4] шоҳ
Забон пурдурӯғу[5] равон пургуноҳ.

Фаровон бипурсидаш Афросиёб,
Чу дидаш пур аз ранҷу сар пуршитоб.[6]

2240 «Чаро бошитоб омадӣ, -гуфт шоҳ,
Чи гуна сипардӣ чунин дур роҳ?».

Бад-ӯ[7] гуфт: «Чун тира шуд рӯзгор,
Нашояд сипардан ба бад рӯзгор.[8]

1. И –Ки кишвар пур аз ранҷи кирдори туст; Л –Ду кишвар пур аз ранҷу кирдори туст.
2. ИЛ –Гаршевази.
3. Л –б. 2237 нест.
4. ЛМ –наздики.
5. ЛМ –Пур аз бад забону.
6. Л –пур зи тоб.
7. ИЛ –варо.
8. ЛМ –Шудан сокин он гаҳ наёяд ба кор.

www.sattor.com

Сиёвуш накард эч бар ман нигоҳ,
Пазира наёмад маро худ ба роҳ.

Сухан низ нашниду нома нахонд,
Маро зери[1] тахташ ба зону[2] нишонд.

Аз Эрон бад-ӯ[3] нома пайваста шуд,[4]
Ба мо-бар дари шаҳри ӯ баста шуд.[5]

Сипоҳе зи Руму сипоҳе зи Чин,
Ҳаме ҳар замон бархурӯшад замин.

Ту бар кори ӯ гар диранг оварӣ,
Магар бод аз он пас ба чанг оварӣ.

Агар дер созӣ ту,[6] ҷанг оварад,
Ду кишвар ба мардӣ ба чанг оварад.

В-агар сӯи Эрон биронад сипоҳ,
Кӣ ёрад шудан сӯи*[7] ӯ кинахоҳ?

Туро кардам огаҳ зи кирдори ӯй,
Набояд, ки печӣ ту аз кори ӯй».[8]*[9]

ОМАДАНИ АФРОСИЁБ БА ҶАНГИ СИЁВУШ

Чу бишнид Афросиёб ин сухан,
Бар ӯ тоза шуд рӯзгори куҳан.

---

1. ИЛМ –пеши.
2. ИЛМ –поён.
3. Л –ба вай.
4. И –гашт.
5. И –гашт.
6. ЛМ –Ту гар дер гириш; И – В-агар дер гирӣ ту.
7. М –пеши.
8. ЛМ Жул Мул – Ту огаҳ надорӣ зи кирдори хеш,
В-аз он пас бупечӣ зи бозори хеш.
9. М-б. 2249 нест.

www.sattor.com

Дилаш гашт пуроташу сар зи бод,
Ба Гарсеваз[1] аз хашм посух надод.

Бифармуд, то баркашиданд[2] ной,
Ҳамон синҷу шайпуру ҳиндидарой.

Бурун рафт аз Ганги хандонбиҳишт,
Дарахте зи кина ба наввӣ бикишт.[3]

Бад-он гаҳ, ки Гарсевази[4] пурфиреб
Гарон кард бар зин дуволи рикеб,

2255 Сиёвуш ба парда даромад*[5] ба дард,
Танаш ларз-ларзону рухсора зард.

Фарангис гуфт: «Эй гави шерчанг,[6]
Чӣ будат, ки дигар шудастӣ ба ранг?».

Чунин дод посух, ки «Эй хубрӯй,
Ба Турон сияҳ шуд маро обрӯй.

Надонам, ки посух чӣ ронам ҳаме,
Дар ин кор хира бимонам ҳаме.[7]

Агар рост гуфтори Гарсеваз аст,
Зи паргор баҳра маро марказ аст».

---

1. Л –Гаршеваз.
2. ЛМ –дармиданд.
3. ТПЗ – Пур аз хашму кина сипаҳро бихонд,
   Бияндохт он номарову нахонд.
   Ба гуфтори Гарсевази бадкуништ
   Ба наввӣ дарахте зи кина бикишт.
4. ИЛ –Гаршеваз.
5. М –биёмад.
6. Л –тезчанг.
7. И –б. 2258 нест.

www.sattor.com

Фарангис биграфт гесӯ ба даст,
Ба фундуқ гули арғавонро бихаст.

Пур аз хун шуд он сунбули[1]*[2] мушкбӯй,
Дилаш шуд пуроташ, пур аз об рӯй.[3]

Ҳаме ашк борид[4] бар кӯҳи сим,
Ду лола зи хушшоб карда[5] ду ним.

Ҳаме канд мӯю ҳаме рехт об
Зи гуфтору кирдори Афросиёб.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй шоҳи гарданфароз,
Чӣ созӣ кунун, зуд букшой роз.

Падар худ диле дорад аз ту ба дард,
Аз Эрон наёрӣ сухан[6] ёд кард.

Сӯи Рум раҳ бо диранг оядат,
Сӯи Чин напӯӣ, ки нанг оядат.[7]

Зи гетӣ киро гирӣ акнун паноҳ,
Паноҳат Худованди хуршеду моҳ».[8]

---

1. Л –маснади; И –гесӯи.
2. М –бӯсад.
3. И –Ба ду рух кушода ҳам аз дида ҷӯй.
4. Л –мушк пошид; И –мушк борид.
5. Л –шуд бар; И –гашта.
6. И –ҳаме.
7. Л –Ба наввӣ сухан низ танг оядат.
8. ТПЗИЛ – Ситам бод бар ҷони ӯ моҳу сол,
Куҷо бар тани ту шавад бадсигол!*
Сиёвуш бад-ӯ гуфт, к-«Эй моҳрӯй,
Бад-ин гуна маҳрӯшу махрош рӯй.
Ба додор кун пушту андуҳ мадор,
Гузар нест аз ҳукми парвардгор».

* ИЛ –танҳо б. якум мавҷуд аст.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт: «Гарсевази некхоҳ[1]
Ба мужда[2] биёяд зи[3] наздики шоҳ.

Куҷо ӯ бубахшуду дил нарм кард,
Сари кинаи худ пурозарм кард».

Бигуфт ину зӣ додгар кард пушт,
Дилаш тира аз рӯзгори дурушт.

ХОБ ДИДАНИ СИЁВУШ

Се рӯз андар ин кор бигрист зор
Аз он бевафо гардиши рӯзгор.[4]

Чаҳорум шаб андар бари моҳрӯй
Ба хоб-андарун буд дайҳимҷӯй.[5]

Биларзид в-аз хоб хира[6] биҷаст,
Хурӯше баровард чун пили маст.

Ҳаме дошт андар бараш хубчеҳр
Бад-ӯ гуфт: «Шоҳо, чӣ будат ба меҳр?»

Хурӯшиду шамъе барафрӯхтанд.
Бараш уду анбар ҳаме сӯхтанд.

Бипурсид аз ӯ духти Афросиёб,
Ки «Фарзона шоҳо! Чӣ дидӣ ба хоб?»

Сиёвуш бад-ӯ гуфт, к-«Аз хоби ман
Лабат ҳеч макшой бар анҷуман.

1. Л –Гаршеваз акнун ба роҳ; И –Ҳаме гуфт Гаршеваз акнун зи роҳ.
2. ИЛ –Ҳамоно.
3. ИЛ –ба.
4. Л –б. 2269 -2271 нест.
5. ИЛ –бо рангу бӯй.
6. ИЛМ –хоби нӯшин.

www.sattor.com

Чунон дидам, эй сарви симин, ба хоб,
Ки будӣ[1] яке бекарон рӯди об,

Яке кӯҳи оташ ба дигар карон,
Гирифта лаби об ҷавшанварон.[2]

Ба[3] як сӯ шудӣ оташи тез гирд,
Барафрӯхтӣ з-ӯ Сиёвахшгирд.[4]

Ба[5] як даст оташ, ба як[6] даст об,
Ба пеш андарун пилу Афросиёб.

Бидидӣ маро, рӯй кардӣ дижам,
Дамидӣ бар он оташи тездам».[7]

Фарангис гуфт: «Ин ҷуз аз некувӣ
Набошад, як имшаб магар биғнавӣ.

Ба Гарсеваз ояд ҳама бахти шум
Шавад кушта бар дасти солори Рум».[8]

Сиёвуш сипаҳро саросар[9] бихонд,
Ба даргоҳу айвонашон барнишонд.[10]

Басечида биншаст ханҷар ба чанг,
Талоя фиристод бар сӯи Ганг.

---

1. И –ҳастӣ.
2. ИЛ –найзаварон.
3. ИЛМ –Зи.
4. Л –баромад ҳаме то ба Хуршедгирд.
5. ИЛ –Зи.
6. ИЛ –зи.
7. ТПЗ – Чу Гарсеваз он оташ афрӯхтӣ,
   Аз афрӯхтан мар маро сӯхтӣ.
8. ТПЗЛ – Кунун шодмон бошу андуҳ мах(в)ар,
   Ки ҷуз некуӣ худ набошад дигар.
9. Л – якояк.
10. Л – Ба даргоҳи айвон замоне бимонд; И – ба даргоҳи айвон замоне нишонд.

www.sattor.com

Ду баҳра чу аз тирашаб даргузашт,
Савори талоя биёмад зи дашт,

Ки Афросиёбу фаровон сипоҳ
Падид омад аз дур тозон ба роҳ.

Зи наздики Гарсеваз омад наванд,
Ки бар чораи ҷон миёнро бубанд.

Наёмад зи гуфтори ман ҳеч суд,
Зи оташ набинам магар тира дуд.

Нигар, то чӣ бояд кунун сохтан,
Сипаҳро куҷо бояд андохтан.

Сиёвуш надонист бозори ӯй,
Ҳаме рост пиндошт гуфтори ӯй.

Фарангис гуфт: «Эй хирадманд шоҳ,
Макун ҳеч гуна ба мо-дар нигоҳ.

Яке бораи гомзан - бар нишин,
Мабош эч эмин ба Туронзамин.

Туро зинда хоҳам, ки[1] монӣ ба ҷой,
Сари хештан гиру эдар[2] мапой?»

1. Л – Туам зинда бояд, ки: И – Туро зинда бояд, ки.
2. Л – касро; И – моро.

www.sattor.com

АНДАРЗ КАРДАНИ СИЁВУШ ФАРАНГИСРО

Сиёвуш бад-ӯ гуфт, к -«Он хоби ман
Ба ҷой омаду тира шуд оби ман.

Маро зиндагонӣ сар омад ҳаме,
Ғами рӯзи талх андаромад ҳаме.[1]

Гар айвони ман[2] сар ба кайвон кашид,[3]
Ҳамон заҳри маргам бибояд чашид.[4]

Агар сол[5] гардад ҳазору дувист,
Ба ҷуз хоки тира маро ҷой нест.

Яке синаи шер бошад-ш ҷой,
Яке каргасу дигареро ҳумой.[6]

Зи шаб рӯшноӣ наҷӯяд[7] касе,
Куҷо баҳра дорад зи дониш басе.

Туро панҷ моҳ аст обастанӣ
Аз ин номвар баччаи растанӣ.

Дарахти гузини ту бор оварад,
Яке номвар шаҳрёр оварад.

Сарафроз Кайхусраваш ном кун,
Ба ғам хӯрдан ӯро дилором кун.

---

1. ТПЗИЛ – Чунин аст кирдори чархи баланд,
Гаҳе шод дорад, гаҳе мустаманд.
2. И – мо.
3. И – кайвон-дар аст.
4. И – Аз ӯ баҳраи мо яке чодар аст.
5. ЛМ – умр.
6. И – Дигар чанги каргас бувад ё ҳумой.
7. Л – наёбад.

www.sattor.com

Зи хуршеди тобанда то тирахок
Гузар нест аз доди Яздони пок.

Зи парри паша то паи жандапил,
Ҳамон чашмаи обу дарёи Нил

Ниҳонӣ маро хоки Турон бувад,
Кӣ гӯяд, ки хокам ба Эрон бувад?

Чунон гардад ин гунбази тезрав,
Сарои куҳанро нахонанд*[1] нав.

Аз ин пас ба фармони Афросиёб
Маро бахти хуррам дарояд ба хоб.

Бибурранд бар бегунаҳ ин сарам,
Ба[2] хуни ҷигар-бар ниҳанд афсарам.

На тобут ёбам, на гӯру кафан,
На бар ман бигиряд касе з-анҷуман.[3]

Бимонам ба сони ғарибон ба хок,
Сарам гашта[4] аз тан ба шамшер чок.

Ба хорӣ туро рӯзбонони шоҳ
Сару тан бараҳна барандат ба роҳ.

Биёяд сипаҳдор Пирон ба дар,
Ба хоҳиш бихоҳад туро аз падар.

Накарда гуноҳе ба ҷон зинҳор
Ба айвони хешат барад хору зор.*[5]

1. М – Набинанд.
2. ИЛМ – Зи.
3. И – Ба ман-бар бигирянд зор анҷуман.
4. ЛМ – гардад.
5. М – Бихоҳад ба коҳат барад зорвор.

www.sattor.com

Дар айвони он пирсар пурҳунар
Бизоӣ яке хусрави номвар.[1]

Аз Эрон биёяд яке чорагар,
Ба фармони додор баста камар.[2]

Аз эдар туро бо писар дар ниҳон
Сӯи рӯди Ҷайҳун барад ногаҳон.

Нишонанд бар тахти шоҳӣ варо.
Ба фармон бувад[3] мурғу моҳӣ варо.[4]

Аз Эрон яке лашкар ояд ба кин,
Пурошӯб гардад саросар замин.

Бар ин гуна хоҳад гузаштан сипеҳр,
Нахоҳад шудан ром бо кас[5] ба меҳр.

Басо лашкаро, к-аз паи кини ман
Бипӯшанд ҷавшан ба оини ман.

Зи гетӣ саросар бароянд хурӯш,
Замона зи Кайхусрав ояд ба ҷӯш.[6]

Паи Рахши Рустам замин биспарад,
Зи Турон касеро ба кам нашмарад.

---

1. Зи – Ниҳӣ андар айвони Пирон ту бор
Ба фармони додори парвардгор.
2. ТПЗИ – Бувад номи он гурди пурмоя Гев,
Ба Турон набинӣ чун ӯ низ нев.
3. И – шавад.
4. ТПЗ – Чу тоҷи бузургӣ ба чанг оядаш,
Ба кин даст ёзад, ки танг оядаш.
Чу гардад замин сабзу куҳ лолапӯш,
Замона зи Кайхусрав ояд ба ҷӯш.
5. Л – бо ман.
6. ТПЗИЛ – Басо сурху зарду сиёҳу бунафш,
К-аз Эрон ба Турон бибинӣ* дурафш.

* Л – Тур андарояд.

www.sattor.com

2325 Ба кини ман*[1] имрӯз то растахез
Набинӣ ҷуз аз гурзу шамшери тез».

В-аз он[2] пас Сиёвахши озодмард
Рухонро ба сӯи Фарангис кард.[3]

Варо[4] кард падруд, бо ӯ бигуфт,
Ки «Ман рафтанӣ гаштам, эй нек ҷуфт.

Бар ин гуфтаҳо-бар ту дил хаста[5] кун,
Дил[6] аз ноз в-аз тахт пардахта[7] кун».

Хурӯше бароварду*[8] дил пур зи дард
Бурун рафт аз айвон ду рухсора зард.

2330 Ҷаҳоно, надонам чаро парварӣ,
Чу парвардаи хешро бишкарӣ[9]?

Фарангис рух хаставу канда[10] мӯй,
Равон карда бар рух зи ду дида[11] ҷӯй.

Сиёвуш чу бо ҷуфт ғамҳо бигуфт,
Хурӯшон бад-ӯ андаровехт ҷуфт.

Рухаш пур зи хуни дилу дида гашт,
Сӯи охури тозиаспон гузашт,

1. М- кинам.
2. Л – Аз он.
3. И – б. 2326 нест.
4. ИЛ – Фарангисро.
5. ИЛ – сахт.
6. ИЛ – тан.
7. ИЛ – пардохт.
8. М – Хурӯшу фиғон карду.
9. Л – Чу парвардияш, мечаро бишкарӣ.
10. Л – рухро ҳамеканду.
11. Л – дида ду.

www.sattor.com

Биёвард шабранги беҳзодро,
Ки дарёфтӣ рӯзи кин бодро.

2335 Хурӯшон сарашро ба бар баргирифт,*[1]
Лагому[2] фисораш зи сар баргирифт.

Ба гӯш-андараш гуфт рози дароз,
Ки бедордил бошу бо кас масоз.

Чу Кайхусрав ояд ба кин хостан,
Инонаш туро бояд оростан.

Аз охур бибур дил ба якборагӣ,
Ки ӯро ту бошӣ ба кин барагӣ.

Варо барагӣ бошу гетӣ бикӯб,
Зи душман ба наълат заминро бирӯб.[3]

2340 Дигар маркабонро ҳама кард пай,
Ба шамшер бибрид бар сони най.[4]

Ба ганҷ-андар оганда чизе ки буд,
Зи айвону гулшан баровард дуд.

Зи дебову динору дурру гуҳар,
Зи тоҷу зи теғу кулоҳу камар.

1. М – даргирифт.
2. ИЛ – Инону.
3. ИЛ – б. 2339 нест.
4. ИЛМ – Барафрӯхт бар сони оташ зи най.

www.sattor.com

ГИРИФТОР ШУДАНИ СИЁВУШ БА ДАСТИ АФРОСИЁБ

Чу ин карда шуд, сози рафтан гирифт,
Зи бахти бади хеш монда шигифт.[1]

Худу саркашон сӯи Эрон кашид,
Рух аз хуни дида шуда нопадид.[2]

Чу як нима фарсанг бубрид роҳ,
Расид андар ӯ шоҳи туронсипоҳ.

Сипаҳ дид бо гурзу теғу[3] зиреҳ,
Сиёвуш зада бар зиреҳ-бар гиреҳ.

Ба дил гуфт Гарсеваз[4] «Ин рост гуфт,
Чунин ростиро набояд нуҳуфт».

Сиёвуш битарсид аз ҷони хеш,
Чу солори Турон расидаш ба пеш.[5]

Сипоҳаш[6] битарсид аз биму шоҳ,[7]
Гирифтанд туркон ҳама кӯҳу роҳ.[8]

Ҳаме бингарид ин бад-он, он бад-ин,
Ки кина ба дилшон набуд пеш аз ин.[9]

---

1. Л – б. 2341 – 2343 нест.
2. ТПЗМ – Яке аспи осударо барнишаст,
   Рух аз хуни дида шуда чун кабаст.
   Бифармуд он гаҳ ба эрониён,
   Ки бар роҳи Эрон бибандад миён.
3. И- теғу хӯду.
4. Л – Гаршеваз.
5. ИЛ – б. 2348.
6. ИЛ – Сиёвуш.
7. ИЛ – ҷон.
8. Л – Валекин намехост гаштан ниҳон; ЛМ – пас аз б. 2349 б. омада:
   Биистод, то наздаш омад сипоҳ,
   Ситоданд пеши Сиёвушшоҳ.
9. Л – Ки дар дил набуд пеш аз ин кинашон.

www.sattor.com

Зи бими Сиёвуш саворони ҷанг
Гирифтанд орому ҳушу диранг.

Чу з-он гуна диданд эрониён,
Бигуфтанд, к-эй шаҳрёри ҷаҳон,[1]

Чаро хира бояд, ки[2] моро кушанд,
Чу куштанд, бар рӯи ҳомун кашанд?[3]

Бимон, то аз эрониён дастбурд
Бубинанду машмар ту ин[4] кор хурд.

Сиёвуш чунин гуфт, к-ин рой нест,
Ҳамон ҷангро мояву ҷой нест.

Ба гавҳар бар он рӯз нанг оварам,
Ки ман пеши шаҳ ҳадя ҷанг оварам.

Маро чархи гардон агар[5] бегуноҳ
Ба дасти бадон кард хоҳад табоҳ,

Ба мардӣ маро рӯзи[6]*[7] оҳанг нест,
Ки бо кирдгори ҷаҳон ҷанг нест.

Чӣ гуфт он хирадманди бороюю ҳуш,
Ки бо ахтари бад ба мардӣ макӯш.

---

1. ИЛМ – Рада баркашиданд эрониён.
   Бибастанд хун рехтанро миён.
   Ҳама бо Сиёвуш гирифтанд ҷанг,
   Надиданд ҷои сукуну диранг.
2. ИЛ – кунун хира гуфтанд.
3. ИЛ – Набояд, ки бар хок танҳо кашанд.
4. Л – чунон; И – чунин.
5. И – гарданда гар.
6. Л – зӯру.
7. М – бад-он рӯз.

www.sattor.com

Чунин гуфт аз пас ба Афросиёб,
Ки «Эй пурҳунар шоҳи боҷоҳу об,

Чаро ҷангҷуй омадӣ бо сипоҳ,
Чаро кушт хоҳӣ маро бегуноҳ[1]?

Сипоҳи ду кишвар пур аз кин кунӣ,
Замону замин пур зи нафрин кунӣ».

Чунин гуфт Гарсевази[2] камхирад,
Зи ту ин суханҳо кай андар[3]хурад.

Гар эдар чунин бегуноҳ омадӣ,
Чаро бо зиреҳ назди шоҳ омадӣ?

Пазира шудан з-ин нишон роҳ нест,
Камону зиреҳ[4] ҳадяи шоҳ нест.

Сиёвуш чу бишнид гуфтори ӯй,
Бад-ӯ[5] гуфт, к-«Эй нокаси зиштхӯй,[6]

Ба гуфтори ту хира гаштам зи роҳ,
Ту гуфтӣ, ки озурда гаштаст шоҳ.

Ҳазорон[7] сари мардуми бегуноҳ
Бад-ин гуфти ту гашт хоҳад табоҳ.

---

1. Л – пас аз б. 2361 ин б. омада:
   Чаро кушт хоҳӣ касеро, ки тоҷ
   Бигиряд бар ӯ зору ҳам тахти оҷ.
2. ИЛ – Гаршеваз.
3. И – куҷо дар.
4. И – сипар.
5. И – Чунин.
6. И – кинаҷӯй.
   ТПЗМ – Сиёвуш бидонист, к-он кори ӯст,
   Барошуфтани шоҳ бозори ӯст.
   Аз он пас, ки бишнид он зиштхӯй,
   Бад-ӯ гуфт, к-эй нокаси кинаҷӯй.
7. И – Фаромӯш.

www.sattor.com

Ту з-ин карда фарҷом кайфар барӣ,
Зи тухме куҷо киштаӣ, бидравӣ».*[1]

В-аз он пас чунин гуфт, к-«Эй шаҳрёр,
Ба тезӣ мадор оташ андар канор.

На бозист ин хуни ман рехтан,
Або бегуноҳон баровехтан.

Ба гуфтори Гарсевази баднажод
Мадеҳ шаҳри Турону худро ба бод!»

Нигаҳ кард Гарсевази рангкор
Зи гуфти Сиёвахш бо шаҳрёр.

Барошуфту гуфт: «Эй сипаҳбад, чӣ буд?
Ба душман чаро гуфту бояд*[2] шунуд?»[3]

Чу гуфтори Гарсеваз[4] Афросиёб
Шуниду баромад баланд офтоб,

Ба лашкар бифармуд, то теғи тез
Кашанду хурӯшанд чун растахез.[5]

Сиёвахш аз баҳри паймон, ки баст,
Сӯи теғу найза наёзид даст.

Нафармуд касро зи ёрони хеш,
Ки орад яке пой дар ҷанг пеш.

---

1. М – бар хварӣ.
2. М – чӣ бояд-т гуфту.
3. Л – б. 2366 – 2374 нест. И – 2370 – 2374 нест.
4. ИЛ- Гаршеваз.
5. ТПЗ – Ҷаҳон пурхурӯшу ҳаво пур зи гард,
Яке бонабарду яке бенабард.

www.sattor.com

Бадандеш Афросиёби дижам
Ҳаме кард бар шоҳи Эрон ситам.[1]

Ҳаме гуфт яксар ба ҳанҷар диҳед,
Бар ин дашт киштӣ ба хун барниҳед.[2]

Аз эронсипаҳ буд марде ҳазор,
Ҳама номдор аз дари корзор,

Ҳама кушта гаштанд бар дашти кин
Зи хуншон ҳама лолагун шуд замин.[3]

Чу разми ялон сахт пайваста шуд,
Сиёвуш ба ҷанг-андарун хаста шуд.[4]

Ба тиру ба найза бишуд хаста шоҳ,
Нагун андаромад зи пушти сипоҳ,

Ҳаме гашт бар хоки тира чу маст,
Гурӯи Зиреҳ дасти ӯро бубаст.

Ниҳоданд бар гарданаш полаҳанг,
Ду даст аз паси пушт баста чу санг.

---

1. ИЛ – б. 2377 – 2379 нест.
2. Л – Дару дашти гетӣ ба хун дарниҳед; И – Дижу дашти гетӣ ба хун барниҳед.
3. ИЛ – Якояк гирифтандашон дар миён
Ҳама кушта гаштанд Эрониён;
ТПЗИЛ – Ҳама куштаву хаста,* баргашта кор,
Сар омад бад-эшон** чунон*** рӯзгор.
* ЛИ – кушта гаштанду. ** Л – бар эшон. *** И – ҳама.
4. ТПЗМ – Наёраст як турк бар рӯи шоҳ,
Наёзид даст андар он кинахоҳ.
Чу бахти Сиёвахш баргашта шуд,
Далерони ӯ яксара кушта шуд.
Гирифтанд ҳар кас абар шоҳ даст,
Бияндохта тир панҷоҳу шаст.

www.sattor.com

Равон хун бар он чеҳраи арғавон,
Чунон рӯз нодида чашми ҷавон.

Ҳаме тохтандаш пиёда кашон,
Чунон рӯзбонони мардумкушон.[1]

Бирафтанд сӯи Сиёвахшгирд,[2]
Пасу пеши ӯ-бар сипаҳ буд гирд.[3]

Чунин гуфт солори туронсипоҳ,
К-«Аз эдар ба як сӯ кашедаш зи роҳ.

Кунедаш ба ханҷар сар аз тан ҷудо
Ба шаххе, ки ҳаргиз нарӯяд гиё.

Бирезед хунаш бар он гармхок,
Мамонед деру мадоред бок».[4]

Чунин гуфт бо шоҳ яксар сипоҳ,
К-«Аз ӯ, шаҳрёро, чӣ дидӣ[5] гуноҳ?

Чӣ кардаст бо ту, нагӯӣ ҳаме,
Ки бар хуни ӯ даст шӯӣ ҳаме?

Чаро кушт хоҳӣ, касеро, ки тоҷ
Бигиряд бар ӯ зор, ҳам тахти оҷ.[6]

Ба ҳангоми шодӣ дарахте макор,
Ки заҳр оварад бори ӯ рӯзгор».

1. Л – Чу омад бар он ҷойгоҳи нишон.
2. ИЛ – Сиёвушгирд.
3. Л – Пасу пеш-ҳар сӯ сипаҳ гирд.
4. Л – б. 2391, 2392 нест.
5. Л – дорӣ.
6. И – б. 2395 нест.

www.sattor.com

Ҳаме буд Гарсевази баднишон[1]*[2]
Зи беҳудагӣ ёри мардумкушон,

Ки хуни Сиёвуш бирезад, зи дард,
К-аз ӯ дошт дар дил ба рӯзи набард.

Зи Пирон гаве[3] буд кеҳтар ба сол,
Бародар буд ӯрову фаррух ҳамол.

Куҷо Пилсам буд номи ҷавон,
Гави[4] пурҳунар буду равшанравон.

Чунин гуфт бо номвар Пилсам,
Ки «Ин шохро бор дард асту ғам.[5]

Зи доно шунидам яке достон,
Хирад шуд бад ин гуна[6] ҳамдостон.

Ки оҳистадил кай пушаймон шавад,[7]
Ҳам оҳистаро[8] ҳуш дармон шавад.[9]

Шитобу бадӣ кори оҳарман аст,
Пушаймониву ранҷи ҷону тан аст.

Сареро, ки бошӣ бад-ӯ подшо,
Ба тезӣ буридан набошад раво.[10]

---

1. ИЛ – Гаршевази бадгумон.
2. М – бадгумон.
3. И – яке.
4. ИМ – Яке.
5. ТПЗ – Ки бехаш зи хуну зи кин коштӣ,
Сари шох аз ин кин барафроштӣ.
6. И – буд бар он низ.
7. Л – бувад.
8. Л – ошуфтаро.
9. Л – бувад.
10. ТПЗ – Макун, шаҳрёро, ту тезӣ макун,
Ба наввӣ маяфкан ҳаме кина бун.

www.sattor.com

Ба бандаш ҳаме дор, то рӯзгор
Бар ин мар туро бошад омӯзгор.

Чу боди хирад бар дилат барвазад,
Аз он пас варо сар буридан сазад.

Мафармой акнуну тезӣ макун,
Ки тезӣ пушаймонӣ орад ба[1] бун.

Сареро кучо тоҷ бошад кулоҳ,
Нашояд бурид, эй хирадманд шоҳ.

Чӣ бурри ҳаме ту сари бегуноҳ,
Ки Ковусу Рустам бувад кинахоҳ?

Падар шоҳу Рустам-ш парвардааст,
Ба некӣ мар ӯро баровардааст.

Бубинем подоши ин зишт кор,
Бупечӣ ба фарҷом аз ин рӯзгор.

Ба ёд ор он теғи алмосгун,
К-аз он теғ гардад ҷаҳон пур зи хун.

В-аз он номдорони эронгурӯҳ,
Ки аз хашмашон*[2] гашт гетӣ сутӯҳ.[3]

Фарибурзу Ковуси даррандашер,
Ки ҳаргиз надидаш кас аз ҷанг сер.

Чу пили дсаманда гави пилтан,
Ки хор аст бар чашми ӯ анҷуман.

1. И – зи.
2. М – ҷангашон.
3. ИЛ – 2413, 2414 нест.

www.sattor.com

Чу Гударзу Гургину Фарҳоду Тус
Бубанданд бар кӯҳаи пил кӯс.

Бад-ин кин бубанданд яксар камар,
Дару дашт гардад пур аз найзавар.[1]

На ман пой дорам, на монанди ман
На гурде зи гурдони ин анҷуман.

2420 Ҳамоно, ки Пирон биёяд пагоҳ,
Аз ӯ бишнавад достон низ шоҳ.

Магар худ ниёзат набошад[2] бад-ин
Магустар ба гетӣ чунин фарши кин.[3]

Мафармой кардан бад-ин-бар шитоб,
Ки Турон шавад сар ба сар з-ин хароб».

Сипаҳбад зи гуфтори ӯ нарм шуд,
Валекин бародар-ш бешарм*[4] шуд.

Бад-ӯ гуфт Гарсеваз: «Эй ҳушманд,
Ба гуфти ҷавон ту ҳаворо мабанд.[5]

---

1. ТПЗ – Чу Баҳрому чун Зангаи Шоварон
Чу Густаҳму Каждаҳм-кундуварон
Завора, Фаромарзу Дастони Сом
Ҳама теғҳо баркашанд аз ниём,
Далерону шерони Ковусшоҳ
Ҳама паҳлавонони бофарру ҷоҳ.
2. Л – наёяд.
3. И – яке то ҷаҳон аст кин.
4. М – беозарм.
5. ИЛ – б. 2422, 2423 нест; ТП – пас аз ин б. байти зерин омада, ки дар «З» баъд аз б. 2424 оварда шудааст ва ин ба мақсад наздиктар аст:
Машав сусту бардор душман зи ҷой,
Худ аз Пилсам ҳеч машнав ту рой.

www.sattor.com

Аз эрониён дашт пуркаргас аст,
Гар аз кин битарсӣ, туро ин[1] бас аст.

Сиёвуш чу бихрӯшад аз Руму Чин,
Пур аз гурзу шамшер бинӣ замин.

Ҳамин бад, ки кардӣ туро худ на бас,
Ки хира ҳаме бишнавӣ панди[2] кас?

Сипардӣ дами мору хастӣ сараш,
Ба дебо бипӯшида хоҳӣ бараш.[3]

Гар эдун, ки ӯро ба ҷон зинҳор
Диҳӣ, ман набошам бари шаҳрёр.

Равам, гӯшае гирам андар ҷаҳон,
Магар худ ба зудӣ сар ояд замон».

Бирафтанд печон Дамуру Гурӯй,
Бари шоҳи Турон ниҳоданд рӯй,

Ки «Чандин зи хуни Сиёвуш мапеч,
Ки ором хор ояд андар басеч.[4]

Ба гуфтори Гарсевази[5] раҳнамой
Баророю[6] бардор душман зи ҷой.

1. Л – ҳамонат.
2. И – гуфти; Л – нашнавӣ рои.
3. И – пас аз б. 2428 ду байти зерин омада, ки ба ин ҷои матн он қадар алоқамандӣ надорад:

Ман эдун шунидам зи корогаҳон,
Ки аз раҳ расад паҳлавон ногаҳон.
Чу аз рӯз як нимае бигзарад
Сипаҳпаҳлавон роҳро биспарад.

4. Л –орад эдар бисеч.
5. ИЛ –Гаршеваз.
6. Л –Биёрою.

www.sattor.com

Задӣ дому душман гирифтӣ бад-ӯй,
Бикуш тезу[1] хира мабар обрӯй.

Сазо нест инро,[2] ки дорӣ ба даст,
Дили бадсиголон бибояд шикаст.

Сипоҳе бад-ин гуна кардӣ табоҳ,
Нигар, то чи гуна бувад бо ту шоҳ.

Агар кас*[3] наёзордит[4] аз нахуст,
Ба об ин гунаҳро тавонист шуст.

Кунун он беҳ ояд,[5] ки ӯ дар ҷаҳон
Набошад падид ошкору ниҳон».

Бад-эшон чунин посух овард шоҳ,
К-«Аз ӯ ман ба дида надидам гуноҳ,

Валекин ба гуфти ситорашумар
Ба фарҷом аз ӯ сахтӣ ояд ба сар.

В-ар эдун, ки хунаш бирезам ба кин,
Яке гард хезад ба[6] Туронзамин,

Ки хуршед аз он гард тира шавад,
Ҳушивор аз он рӯз хира шавад.[7]

Ба Турон газанде маро омадаст,
Ғаму ранҷу банде маро омадаст.

1. Л –низ.
2. ИЛ –Сар ин аст Эрон.
3. М –худ.
4. Л –худ наёзурдият.
5. И –бибояд.
6. Л–зи.
7. ИЛ –б. 2442 нест.

www.sattor.com

Раҳо карданаш бадтар аз куштан аст,
Ҳамон куштанаш ранҷу дарди ман[1] аст.

Хирадманду ҳам мардуми бадгумон
Надонад касе чораи осмон».*[2]

ЗОРӢ КАРДАНИ ФАРАНГИС ПЕШИ АФРОСИЁБ

Фарангис бишнид, рухро бихаст,
Миёнро ба зуннори хунин бибаст.

Пиёда биёмад ба наздики шоҳ,
Ба хун ранг дода рухон ҳамчу[3] моҳ.

Ба пеши падар шуд пур аз тарсу бок,[4]
Хурӯшон ба сар-бар ҳаме рехт хок.[5]

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй пурҳунар шаҳрёр,
Чаро кард хоҳӣ маро хоксор?

Дилатро чаро бастӣ андар фиреб,
Ҳаме аз баландӣ набинӣ нишеб.

Сари тоҷдоре мабур бегуноҳ,
Ки напсандад ин довари хуру моҳ.

Сиёвуш, ки бугзошт Эронзамин,
Ҳаме бар ту кард аз ҷаҳон офарин.

Биёзурд аз баҳри ту шоҳро,
Бимонд афсару ганҷу ҳам гоҳро.

1. Л –низ ранҷи тан.
2. М –рози чархи равон.
3. ИЛ –ду рухсори.
4. И –аз гарду хок.
5. И –Хурӯшону бар тан ҳама ҷома чок.

www.sattor.com

Биёмад, туро кард пушту паноҳ,
Кунун з-ӯ чӣ дидӣ, кӣ бурдат зи роҳ?

Сари тоҷдорон набуррад касе,
Ки бо тоҷу бо тахт монад басе.

Макун бегунаҳ бар тани ман ситам,
Ки гетӣ сипанҷ асту пурбоду дам.

Якеро ба чоҳ афканад бо кулоҳ,[1]
Яке бе кулаҳ[2] барнишонад ба гоҳ.[3]

Саранҷом ҳар ду ба хок-андаранд,
Зи ахтар ба чанги[4] мағок-андаранд.

Ба гуфтори Гарсевази бадгумон,[5]
Дурафше макун хештан дар ҷаҳон.[6]

Шунидӣ куҷо з-Офаридуни гурд
Ситамгора Заҳҳоки тозӣ чӣ бурд?

Ҳамон аз Манучеҳршоҳи бузург
Чӣ омад ба Салму ба Тури сутург?

Кунун зинда бар гоҳ Ковусшоҳ,
Чу Дастону чун Рустами кинахоҳ.[7]

---

1. ИЛ бе гуноҳ.
2. И –бо гуноҳ.
3. Л –Яке бо гунаҳ нав нишонад ба гоҳ.
4. ЛМ –Ба торикдоми.
5. ИЛ –Гаршевази бадниҳон.
6. ТПЗИ – Ки то зиндаӣ, бар ту нафрин бувад,
Чу мурдӣ, ҳамон* дӯзах оин бувад.
* И –Пас аз рафтанат.
7. ТПЗИЛ – Замин* аз Таҳамтан биларзад ҳаме,
Ки Турон ба ҷангаш наярзад ҳаме.
* ИЛ –ҷаҳон.

www.sattor.com

Чу Гударзи Кашводи пӯлодчанг,
Бидаррад дили шеру чарми паланг.

Чу Баҳрому чун Зангаи Шоварон,
Ки н-андешад аз гурзи[1] кундоварон.

Ҳамон Геви Гударз, к-ӯ рӯзи кин[2]
Ба ҷунбиш дарояд зи сахмаш замин.[3]

Ба сӯги*[4] Сиёвуш ҳаме ҷӯшад об,
Кунад чарх нафрин бар Афросиёб.

Ситамгар шудӣ[5] бар тани хештан,
Басе ёдат ояд зи гуфтори ман.

На андар шикорӣ, ки гур афканӣ,
Дигар оҳувонро ба шӯр афканӣ.

Ҳаме шаҳрёре рабоӣ зи гоҳ,
Ки нафрин кунад бар ту хуршеду моҳ.

Мадеҳ шаҳри Турон ба хира ба бод,
Мабодо, ки панди ман ояд-т ёд».

Бигуфт ину рӯи Сиёвуш бидид,
Ду рухро биканду фиғон баркашид,

---

1. И –ҷанги.
2. Л –ҷанг.
3. Л – Ҳаме чарми шерон бидаррад ба ҷанг.
   ТПЗИЛ – Ҳамон Тусу Густаҳму Гургини шер,
   Чу Харроди Барзини гурди далер,
   Чу Руҳҳому чун Ашкаши тезчанг,
   Чу Шедӯши - гурд он диловар наҳанг.
   Дарахте нишонӣ ҳаме бар замин
   Кучо барг хун оварад, бор кин*.
   * ИЛ –танҳо б. охирин мавҷуд аст:
4. М –кини.
5. ИЛМ –Ситамгораӣ.

www.sattor.com

Ки «Шоҳо, далеро, гаво, сарваро!
Сарафроз шерову[1] кундоваро!*[2]

Ба Эрон бару бум бугзоштӣ,
Сипаҳдорро боб пиндоштӣ.

Кунун дастбаста, пиёда, кашон,
Куҷо афсару гоҳи гарданкашон?!

Куҷо он[3] ҳама аҳду савганди[4] шоҳ,
Ки ларзанда шуд меҳру[5] кайвону*[6] моҳ?!

Куҷо шоҳ-Ковусу гарданкашон,
Ки бинанд ин дам туро з-ин нишон?!

Куҷо Геву Тусу куҷо Пилтан,
Фаромарзу Дастону он анҷуман?!

Аз ин бад ба Эрон расад огаҳӣ,
Барошӯбад он рӯзгори беҳӣ.

Зи Гарсеваз омад туро бад ба рӯй
Ки нафрин бар ӯ бо Дамуру Гурӯй.[7]

Ҳар он кас, ки ёзад ба бад бар ту даст,
Бурида сараш боду афканда паст!

Ҷаҳондор ин бар ту осон кунод,
Дили душманонат ҳаросон кунод!

---

1. И –Сарафрози гурдону.
2. М –б. 2473 -2474 нест.
3. И –ин.
4. И –паймони.
5. И –чарху.
6. М –буд чарху гарданда.
7. И –б. 2476 -2479 нест.

www.sattor.com

Маро кошкӣ дида гаштӣ табоҳ,
Надидӣ бад-ин сон кашонат ба роҳ.

Маро аз падар ин кучо буд умед,
Ки пардахта монад канорам зи шед».[1]

Чу гуфтори фарзанд бишнид шоҳ,
Ҷаҳон гашт дар пеши чашмаш сиёҳ.[2]

2485 Бад-ӯ гуфт: «Баргарду эдар мапой,
Чӣ донӣ, ки эдар[3] маро чист рой».

Дили шоҳи Турон бар ӯ-бар бисӯхт,
Ҳаме хира чашми хирадро бидӯхт.[4]

Ба кохи баландаш яке хона буд,
Фарангис аз он хона бегона буд.

Бифармуд, то рӯзбонон кашон
Мар ӯро кашиданд чун беҳушон.[5]

Дар он тирагиш-андар андохтанд,
Дари хонаро банд барсохтанд.[6]

1. И –б. 2482 -2483 нест.
2. И –б. 2484 нест.
3. ИЛ –к-аз ин бад.
4. Л –б. 2486 нест.
5. И –б. 2488 нест.
6. ТПЗ – Бифармуд пас,то Сиёвушро,
Ҷаҳондори бедору хомӯшро,
Ки инро ба ҷое баредаш, ки кас
Наёбад, чу гӯяд, ки фарёд рас!

www.sattor.com

КУШТА ШУДАНИ СИЁВУШ БА ДАСТИ ГУРӮЙ

Нигаҳ кард Гарсеваз[1] андар Гурӯй
Гурӯи ситамгар бупечид рӯй.

Биёмад,[2] ба[3] пеши Сиёвуш расид,
Ҷавонмардиву шарм шуд нопадид.

Бизад дасту риши шаҳаншаҳ[4] гирифт,
Ба хорӣ кашидаш ба хок,[5] эй шигифт!

Сиёвуш бинолид бар кирдгор,
Ки, эй бартар аз гардиши[6] рӯзгор,

Яке шоҳ пайдо кун аз тухми ман,
Чу хуршеди тобанда бар анҷуман,

Ки хоҳад аз ин душманон кини ман,
Кунад дар ҷаҳон тоза[7] оини ман.

Ҳунарҳову[8] мардӣ ба ҷой оварад,
Ҷаҳонро саросар ба[9] пой оварад.[10]

Ҳаме шуд паси пушти ӯ Пилсам
Ду дида пур аз хуну дил пур зи ғам.

---

1. ИЛ –Гаршеваз.
2. И –Чу омад.
3. Л –чу.
4. Л –он мӯи шаҳре.
5. Л –рӯй.
6. Л –ҷой в-аз; И –ҷон в-аз.
7. ИЛ –тоза дар кишвар.
8. Л –ҳунарҳои.
9. ЛМ –Ҷаҳон сар ба сар зери.
10. И –б. 2496 нест.

www.sattor.com

Сиёвуш бад-ӯ гуфт: «Падруд бош,
Ҷаҳон[1] тору ту ҷовидон[2] пуд бош!

Друруде зи ман сӯи Пирон расон,
Бигӯяш, ки гетӣ дигар шуд ба сон.

Зи Пирон на з-ин гуна будам умед,
Ҳаме[3] панди ӯ бод шуд ман чу бед.

Маро гуфта буд ӯ, ки бо сад ҳазор
Зиреҳдору баргустувонвар савор,

Чу баргардадат рӯз, ёри туам.
Ба гоҳи чаро марғзори туам.

Кунун пеши Гарсеваз эдар дамон[4]
Пиёда чунин хору тира равон.

Набинам ҳаме ёр бо ман касе,
Ки бихрӯшадӣ зор бар ман басе».

Чу аз шаҳр[5] в-аз лашкар андаргузашт,
Кашонаш бибурданд баста ба дашт.[6]

Зи Гарсеваз[7] он ханҷари обгун
Гурӯи Зиреҳ бистад аз баҳри хун.

Пиёда ҳаме бурд мӯяш кашон,
Чу омад бад-он ҷойгоҳи нишон,

1. ИЛ –Замин.
2. Л –дар миён.
3. ИЛ –Ҳама.
4. И –давон.
5. И –шоҳ.
6. И –бар паҳндашт.
7. ИЛ –Гаршеваз.

www.sattor.com

Ки он рӯз афканда буданд тир
Сиёвушу Гарсевази шергир.

Чу пеши нишона фароз омад ӯй,
Гурӯи Зиреҳ - он бади зиштхӯй[1]

2510 Бияфканд пили жиёнро ба хок,
На шарм омадаш з-он сипаҳбад, на бок.[2]

Яке ташт бинҳод заррин Гурӯй,
Бупечид чун гӯсфандон-ш рӯй.[3]

Ҷудо кард аз сарви симин сараш,
Ҳаме рафт дар ташт хун аз бараш.

Куҷо он ки[4] фармуда буд, ташти хун
Гурӯи Зиреҳ бурду кардаш нагун.[5]

Гиёҳе баромад ҳамон гаҳ зи хун[6]
Бад-он[7] ҷо, ки он ташт шуд сарнагун.[8]

2515 Гиёро диҳам ман кунунат нишон,
Ки хонӣ ҳаме Хуни Исёвушон.[9]

Чу аз сарвбун дур гашт офтоб,
Сари шаҳрёр андаромад ба хоб.

---

1. ИЛ –б. 2509 нест.
2. И –сипаҳдори пок.
3. ИЛ –б. 2511 нест.
4. ЛМ –Ба ҷое ки.
5. Л –пас аз б. 2513 ин б. омада:
   Фурӯ рехт хуни сари пурбаҳо
   Ба шаххе, ки ҳаргиз нарӯяд гиё.
6. ИЛ –Ба соат гиёе баромад зи хун.
7. Л –кардаш нагун.
8. И –Аз он.
9. ТПЗИЛ – Басе фоида халқро ҳаст аз ӯй,
   Ки ҳаст он гиёҳ аслаш аз хуни ӯй.*

* ЛИ –аслаш аз хуни он моҳрӯй.

www.sattor.com

Чӣ хобе, ки чандин замон баргузашт,
Нашунбид ҳаргиз, на бедор гашт.

Яке бод бо тира гарди сиёҳ
Баромад,*[1] ки пӯшид хуршеду моҳ.

Касе якдигарро надиданд рӯй,
Гирифтанд нафрин ҳама бар Гурӯй.

Чу аз шоҳ шуд тахти шоҳӣ тиҳӣ,
На хуршед бодо, на сарви саҳӣ!

Чапу рост ҳар сӯ битобам ҳаме,
Сару пои гетӣ наёбам ҳаме.

Яке бад кунад, нек пеш оядаш,
Ҷаҳон бандаву бахт хеш оядаш.

Яке ҷуз ба некӣ замин наспарад,
Ҳаме аз нажандӣ фурӯ пажмурад.

Мадор эч тимор бо ҷон ба ҳам,
Ба гетӣ макун ҷовидон дил дижам,[2]

Ки нопойдор асту носозгор,
Чунин буд, то буд ин рӯзгор.[3]

Яке дон аз ӯ ҳар чи ояд[4] ҳаме,
Чу[5] ҷовид бо ту напояд[6] ҳаме.

1. М –биёмад.
2. Л –Мадеҳ ҷону дилро ба ғам; И –Ба ғамҳо макун ҷовидон ҷон дижам.
3. ИЛ –б. 2525 нест.
4. Л –зояд.
5. ЛМ –Ки.
6. Л –наёяд.

www.sattor.com

Зи кохи Сиёвуш баромад хурӯш,
Ҷаҳоне зи Гарсеваз омад ба ҷӯш.

Ҳама бандагон мӯй карданд боз,
Фарангис мушкин[1] каманди дароз[2]

Биканду*[3] миёнро ба[4] гесӯ бубаст,
Ба нохун гули арғавонро бихаст.

Ба овоз бар ҷони Афросиёб
Ҳамекард нафрин, ҳамерехт об.

Сари моҳрӯён гусиста каманд,
Харошида рӯю бимонда нажанд.

Хурӯшаш ба гӯши сипаҳбад расид,
Чунон[5] нолаи зору нафрин шунид,

Ба Гарсевази бадниҳон[6] шоҳ гуфт,
Ки ӯро бурун[7] оваред аз нуҳуфт.

Зи парда ба гесӯ бaредаш[8] кашон
Бари рӯзбонону мардумкушон.[9]

Бигӯ[10] то бигиранд мӯи сараш,
Бидарранд бар тан ҳаме[11] чодараш.

---

1. Л –Фарангиси мискин.
2. Л –пас аз б. 2528 ин б. омада:
   Ду зулфайни мушкини чун ду каманд
   Бибуррид он моҳ в-аз бун биканд.
3. М –Буриду.
4. Л –Миёнро бад-он ҳар ду.
5. ЛМ –Чу он.
6. Л –Гаршевази баднишон.
7. ИЛ –Ки инро ба кӯи.
8. Л –даргаҳ барандаш.
9. Л –гарданкашон.
10. ИЛМ –Бад-он.
11. Л –сар ҳама; И –ҳама.

www.sattor.com

Занандаш басе чӯб, то тухми кин
Бирезад бар ин буми Туронзамин.

Нахоҳам зи бехи Сиёвуш дарахт,
На шоху на баргу[1] на тоҷу на тахт.

Ҳама номдорони он[2] анҷуман
Гирифтанд нафрин бар ӯ тан ба тан,

Ки аз шоҳу дастуру аз лашкарӣ
Бар он гуна нашнид кас доварӣ.

Биёмад пур аз хун ду рух Пилсам,
Равон пур зи доғу рухон пур зи нам.

Ба наздики Лаҳҳоку Фаршедвард
В-аз он дар*[3] суханҳо ҳама ёд кард,

Ки дӯзах беҳ аз тахти Афросиёб,
Нашояд бар ин бум[4]*[5] орому хоб.

Битозему наздики Пирон шавем,
Ба тимору дарди асирон шавем.

Се аспи гаронмоя карданд зин,
Ҳаме барнаваштанд гуфтӣ замин.[6]

1. ЛМ –баргу на бору.
2. Л –номдорон шуданд.
3. М –Гузашта.
4. Л –кишвар.
5. М –бад-ин кишвар.
6. ТПЗИ – Чунон буд қазои ҷаҳонбони фард,
Ки аз роҳ Пирон* барангехт гард,
Ки бишнида буд он ки Афросиёб
Ба ҷанги Сиёвахш дорад шитоб.
Биронд асп бо хайлу пилу ҳашам,
Ҳаме тохт пурғам чу шери дижам.
Бад-он, то расад ӯ бари шаҳрёр,
Бад-он, то бигардонад ин рӯзгор.

www.sattor.com

Ба Пирон расиданд ҳарсе савор
Рухон пур зи хуну равон пур зи хор.[1]

Бар ӯ баршумурданд яксар сухун,
Ки бахт аз*[2] бадиҳо чӣ афканд бун.[3]

Чу пирон ба гуфтор бинҳод гӯш,
Зи тахт андарафтоду з-ӯ рафт ҳуш.

---

* И –Пирон ба манзил.

1. ТПЗ – Бигуфтанд, к-эй паҳлавони сипоҳ,
Зи шоҳу бародар-ш некӣ маҳоҳ.
2. М –шоҳ аз.
3. ТПЗИЛ –Яке зорие рафт, к-андар ҷаҳон
Набинад касе аз кеҳону меҳон.
Сиёвахшро** даст басту чу санг,
Фиканда ба гардан-ш - бар*** полаҳанг.
Пиёда ҳаме тохт ӯро Гурӯй,
Сараш пур зи хоку пур аз об рӯй****
Тани пилвораш бар он хоки гарм.*****
Фиканданду шустанд аз дида****** шарм*******
Яке ташт бинҳод пешаш Гурӯй,
Бупечид чун гӯсфандон-ш рӯй.
Бурид он сари тоҷдораш зи тан,
Фикандаш чу сарви саҳӣ дар******** чаман.
Ҳама шаҳр пурзориву********* нола гашт,
Ба чашм-андарун об чун жола гашт.
Ситамкора чӯпон ба дашти********** Кулӯ
Ҳамоно набуррад бад-он сон гулӯ.
Чунон, к-ӯ сари шоҳи Эрон бурид,
Касе он надиду на ҳаргиз шунид.***********

** Л –Сиёвуш. *** Л –гардандараш.
**** Л –Ба дасташ кашиданд бо оби рӯй
Ҳаме шуд пиёда ба пеши Гурӯй.
***** И –гармхок. ****** Л –рухро.
******* И –Фиканданд шуста рух аз шарм пок.
******** Л –бар. ********* Л –буму бар зорию.
********** ИЛ –зери. *********** ИЛ –б. охир нест.

www.sattor.com

Ҳама ҷомаҳо бар[1] бараш кард чок,
Ҳаме канд мӯю[2] ҳаме рехт хок.[3]

Ҳаме гуфт зор: «Эй сазовори тоҷ,
Ки чун ту набинад дигар тахти оҷ».[4]

Бад-ӯ гуфт Лаҳҳок,*[5] биштоб зуд,
Ки дарде бар ин дард хоҳад фузуд,

Фиканда[6] Фарангисро ҳам зи тахт
Танаш буд ларзон ба сони дарахт.[7]

Ба хорӣ бибурданд ногаҳ[8] кашон
Бари рӯзбонони[9] мардумкушон.[10]

---

1. Л –дар.
2. Л –Ҳамехаст рӯю.
3. ТПЗИ – Ҳамерафт аз дидааш оби зард,
Ба сӯги Сиёвуш басе* нола зард.
* И –ҳаме.
4. ИЛ –б. 2549.
5. М –Пилсам гуфт.
6. Л –Бибурданд.
7. ТПЗ – Ки Афросиёб он абе мағзи сар
Фарангисро карда бар раҳгузар,
Ба даргоҳ бурданд мӯяш кашон
Бари рӯзбонону мардумкушон.
Ҳаме рой дорад ба кардан табоҳ,
Ту бояд, ки частӣ аз ин ҷойгоҳ.
8. Л –нола: И –Ба даргоҳ бурданд ӯро.
9. И –рӯзбонону.
10. Л –Бари рӯзбонону гарданкашон.

www.sattor.com

РАҲОНИДАНИ ПИРОН ФАРАНГИСРО

Чу бишнид Пирон чунин гуфтугӯй,
Хурӯшону ҷӯшон баромад ба кӯй.[1]

Зи[2] охур биёвард пас паҳлавон
Даҳ аспи савор, озмуда гавон.[3]

Худу гурд Рӯину Фаршедвард,
Баровард аз он роҳ ногоҳ гард

Ба ду рӯзу ду шаб ба даргаҳ расид,
Дари номвар пур ҷафопеша дид.

Фарангисро дид чун беҳушон,
Гирифта варо рӯзбонон кашон,

Ба чанголи ҳар як яке теғи тез,
Зи даргоҳ бархоста растахез.

Ҳама дил пур аз дарду дида пуроб,
Забон пур зи нафрини[4] Афросиёб.

Бигуфтанд ҳар кас ҳаме бо дигар,
Зану марду кӯдак ба даргоҳ-бар,[5]

Ки ин сахт корест[6] бо тарсу бим,
Фарангисро гар занад[7] бар ду ним,

Зи тундӣ шавад подшоҳӣ табоҳ,
Мар ӯро нахонад касе низ шоҳ.

---

1. ИЛ –б. 2553 нест.
2. И –Аз.
3. И –ҷавон.
4. ЛМ –Зи кирдори бадгавҳар.
5. И –б. 2560 нест.
6. ИЛ –Ҳавл корест.
7. Л –барзадан: И –Буридан Фарангисро.

www.sattor.com

Чу чашми гиромӣ ба Пирон расид,
Шуд аз оби дида рухаш нопадид.

Бад-ӯ гуфт: «Бо ман ту[1] бад сохтӣ,
Чаро зинда дар[2] оташ*[3] андохтӣ?»

Зи асп андарафтод Пирон ба хок,
Ҳама[4] ҷомаи паҳлавӣ кард чок.[5]

Бифармуд, то рӯзбонони дар
Замоне зи фармон битобанд сар.[6]

Биёмад дамон пеши Афросиёб,
Дил аз дард хаста, ду дида пуроб.

Бад-ӯ гуфт: «Шоҳо, анӯша будӣ,
Ҳамеша, зи ту дур дасти бадӣ[7]!

Чӣ омад зи бад бар ту, эй некхӯй,
Ки овардат ин рӯзи бадро ба рӯй?*[8]

---

1. ИЛ –чи.
2. Л –Ки зиндам дар ин.
3. М –зандаам б-оташ.
4. ЛМ –Ба тан.
5. ТП – Бибӯсид пою сари ӯ ба меҳр,
   Равонаш пуроташ, пур аз об чеҳр,
   Ҳамегуфт, к-ин корҳо нағз нест,
   Бад аст ин ки солорро мағз нест.
   На бас ин ки сарви саҳиро фиканд,
   Ки бар шохи гул низ созад газанд.
6. ТП – Яке дастҷома бипӯшиду рафт
   Бад-он сон, ки гуфтӣ, ки ҷонаш бикафт.
7. И –Равонро ба дидор тӯша будӣ;
   Л – Бад-ӯ гуфт, шоҳо ҷаҳонат ба ком,
   Туро ҷовидон умр бодо тамом.
8. М –омад ба куштан туро орзуй.

www.sattor.com

Чаро бар дилат чира шуд хира дев,
Бибурд аз дилат шарми[1] кайҳонхидев[2]

Бикуштӣ Сиёвахшро[3] бегуноҳ,
Ба хок-андар андохтӣ ному ҷоҳ.

Ба Эрон расад з-ин бадӣ огаҳӣ,
Барошӯбад ин рӯзгори беҳӣ.[4]

Басо паҳлавонон, к-аз[5]*[6] Эронзамин,
Ки бо лашкар оянд пурдарду[7] кин.

Ҷаҳон орамида зи дасти бадӣ,
Шуда ошкоро раҳи эзадӣ.

Фиребанда деве зи дӯзах бичаст,
Биёмад, дили шоҳи Турон*[8] бихаст.

Бар он аҳриман низ нафрин сазад,
Ки печид роят суи роҳи бад!

Пушаймон шавӣ з-ин ба рӯзи дароз,
Бупечӣ ҳамоно ба гурму гудоз.

Надонам, ки ин гуфтани*[9] бад зи кист?
В-аз ин офаринандаро рой чист?

---

1. ИЛ –тарси.
2. ТП – К-ат омӯхт ин кори носозгор,
   Ки бодо дижамбахту бадрӯзгор!
3. ИЛ –Сиёвушро.
4. ЛМ –Бигирянд бар тахти шоҳаншаҳӣ.
5. М –тоҷдорони.
6. Л –тоҷдорони; И –тоҷдоро к-аз.
7. М –шоҳ аз инсон.
8. ЛМ –эдар. И –ояд пур аз дарди.
9. М –гуфтан.

www.sattor.com

Кунун з-ӯ гузаштӣ ба фарзанди хеш
Расидӣ ба озори[1] пайванди хеш.

Чу девона аз ҷой бархостӣ,
Чунин рӯзи[2] бадро биёростӣ.

Нахоҳад ҳамоно Фарангис бахт,
На авранги шоҳӣ, на тоҷу на тахт.

Ба фарзанд бо кӯдаке дар ниҳон,
Дурафше макун хештан дар ҷаҳон,

Ки то зиндаӣ, бар ту нафрин бувад,
Пас аз зиндагӣ дӯзах оин бувад.

Агар шоҳ равшан кунад ҷони ман,
Фиристад варо сӯи айвони ман.

В-ар эдун, ки андеша з-ин кӯдак аст,
Ҳамоно, ки ин дарду ранҷ андак аст.

Бимон, то ҷудо гардад аз колбад,
Ба пеши ту орам ҳаме соз бад».

Бад-ӯ гуфт: «Аз ин сон, ки гӯӣ, бисоз
Маро кардӣ аз хуни ӯ бениёз».

Сипаҳдор Пирон аз он шод гашт,
Зи андешаи бад дил озод[3] гашт.

Биёмад ба даргоҳу ӯро бибурд,
Басе зишт бар рӯзбонон шумурд.[4]

1. ЛМ –тимору.
2. ИЛМ –хира.
3. Л –Равонаш зи андеша озод; И –Аз андешаву дард озод.
4. ЛМ –Бар он рӯзбонон басе баршумурд.

www.sattor.com

Беозор бурдаш ба шаҳри[1] Хутан,
Хурӯшон ҳама даргаҳу анҷуман.

Чу омад ба айвон, ба Гулшаҳр гуфт,
Ки «Ин хубрухро бибояд нуҳуфт.

Бад-он,то аз ӯ шоҳ гардад ҷудо,
Пас он гаҳ бисозам яке кимиё.[2]

Ҳаме бош пешаш парасторвор,
Бубин, то чӣ бозӣ кунад рӯзгор[3]».

2595 Бар он низ бугзашт якчанд гоҳ,[4]
Гарон шуд зи кӯдак Фарангисмоҳ.[5]

АНДАР ЗОДАНИ КАЙХУСРАВ

Шаби тирагун,[6] моҳ пинҳон шуда,
Ба хоб-андарун мурғу дому[7] дада.

Чунон дид солор Пирон ба хоб,
Ки шамъе барафрӯхта[8] з-офтоб,

Сиёвахш бар тахту теғе ба даст,
Ба овоз гуфтӣ, нашояд нишаст.

Аз ин хоби нӯшин сар озод кун,
Зи фарҷоми гетӣ яке ёд кун.

---

1. Л –сӯи.
2. ИЛ –б. 2593 нест.
3. ЛМ – Ту бар пеши ин номвар зинҳор,
   Ба пой истода парасторвор.
4. ЛМ –рӯз.
5. ЛМ –Фарангиси гетифурӯз.
6. ЛМ –қиргун.
7. Л –ҷумла.
8. Л –барафрӯхтӣ.

www.sattor.com

Ки рӯзи навоину ҷашни нав аст,
Шаби зодани шоҳ Кайхусрав аст.

Сипаҳбад бупечид дар хоби х(в)аш,
Бичунбид Гулшаҳри хуршедфаш.[1]

Бад-ӯ гуфт Пирон, ки «Хезу бирав,[2]
Хирадманд, пеши*[3] Фарангис шав!

Сиёвахшро[4] дидам ин дам[5] ба хоб,
Дурахшонтар аз моҳ в-аз[6]*[7] офтоб».

Ки гуфтӣ маро: «Чанд хуспӣ? Мапой,
Ба ҷашни ҷаҳондор Кайхусрав ой!»

Давон[8] рафт Гулшаҳр то пеши моҳ,[9]
Ҷудо гашта дид[10] аз бари моҳ шоҳ.

Бидиду ба шодӣ сабук боз гашт,
Ҳама кох аз ӯ[11] пур зи овоз гашт.

Биёмад, ба солор[12] Пирон бигуфт,
Ки «Гӯӣ, ки бо моҳ шуд шоҳ[13] ҷуфт.

---

1. Л –хуршедваш.
2. ИЛМ –бархезу рав.
3. М –назди.
4. Л –Сиёвушро.
5. ЛМ –имшаб.
6. Л –Дурафшону чун бар сипеҳр.
7. М –аз бар сипеҳр.
8. ЛМ –Бишуд зуд Гулшаҳр наздики моҳ.
9. ИЛ –буд.
10. ИЛ –ҳамон гоҳ гетӣ.
11. ИЛМ –шодӣ ба.
12. ИЛМ –Ки инат ба оин хуру моҳ.
13. Л –эдар ой ин.

www.sattor.com

Яке андар*[1] ою[2] шигифтӣ бубин
Бузургиву рои ҷаҳонофарин,

Ки[3] гӯӣ нашояд магар тоҷро,
Ва ё ҷавшану гурзу[4] тороҷро».

Сипаҳбад биёмад бари шаҳрёр,
Басе офарин кард бар кирдгор.

Бар он бурзу болову он шоху ёл,
Ки гуфтӣ бар ӯ баргузаштаст сол.

Зи баҳри Сиёвуш ду дида пуроб,[5]
Ҳамекард нафрин бар Афросиёб.

Намонам, ки ёзад бар ӯ шоҳ чанг,
Маро гар супорад ба коми[6] наҳанг.

Бад-он гаҳ ки хуршед бинмуд теғ,
Ба хоб андаромад сари тира меғ.

Биёмад давон[7] паҳлавони сипоҳ
Пур аз тарсу уммед[8] наздики шоҳ.

Ҳаме буд,[9] то ҷой пардахт шуд,
Ба наздики он номвар тахт шуд.

Бад-ӯ гуфт: «Хуршедфаш меҳтаро,
Ҷаҳондору бедору афсунгаро!

1. М –эдар.
2. ЛМ –Ту.
3. ЛМ –Дигар ҷавшану хӯду.
4. И –Сиёвахш бар дида.
5. М –номдор.
6. ИЛМ –чанги.
7. ИЛМ –Чу бедор шуд.
8. ЛМ –Давон андаромад ба; И –Биёмад дамон то ба.
9. Л –Ҳамемонд.

www.sattor.com

Ба бахтат[1] яке банда афзуд*[2] дӯш,
Ки гуфтӣ варо моҳ[3] додаст ҳуш.*[4]

Намонад зи хубӣ ба гетӣ[5] ба кас,
Ту гӯӣ ба гаҳвора моҳ[6] асту бас.

Агар Турро рӯз боз омадӣ,
Ба дидори рӯяш*[7] ниёз омадӣ.

Бар айвон набинад чун ӯ кас нигор,
Бад-ӯ тоза шуд фарраи шаҳрёр.

Фаридуни гурд аст, гӯӣ ба ҷой
Ба фарру ба чеҳру ба дасту ба пой.

Аз андешаи бад бипардоз дил,
Барафрӯз[8] тоҷу барафроз дил».

Чунон кард равшан ҷаҳонофарин,
К-аз ӯ дур шуд ҷавру бедоду кин.

Равонаш шуд аз кардаи худ[9] бадард,
Баровард аз дил[10] яке боди сард.

1. ИЛ –Ба дар –бар.
2. М –Ба дар-бар яке банда бифзуд.
3. Л –моя.
4. М –Ту гӯӣ варо моя додаст нӯш.
5. ИЛ –ба хубӣ ба ҷуз ту.
6. ИЛ –ки бар гоҳ шоҳ.
7. М –чеҳраш М -ҷангу
8. ИЛ –Бияфрӯз.
9. Л –зи хуни Сиёвуш; И –ба хуни Сиёвуш.
10. ИЛМ –бар лаб.

www.sattor.com

Пушаймон шуд аз бад, куҷо[1] карда буд,
Димор аз дили худ[2] бароварда буд.[3]

Бад-ӯ гуфт: «Бар ман бад ояд[4] басе,
Суханҳо шунидастам аз ҳар касе.

Пур ошӯбу ҷанг аст ин[5] рӯзгор,
Ҳаме[6] ёд дорам зи[7] омӯзгор,[8]

Ки аз тухмаи Тур в-аз Кайқубод
Яке шоҳ сар барзанад[9] бонажод.*[10]

Ҷаҳонро ба меҳри вай ояд ниёз,
Ба Эрону Турон[11] барандаш намоз.

Кунун буданӣ ҳар чи боист, буд,
Надорад ғаму дарду андеша суд.[12]

---

1. ИЛ –ки худ.
2. ИЛ –дам аз шаҳри Турон.
3. ТПЗ – Зи тезӣ пушаймонӣ омад-ш суд
   Мар он дардро хеч дармон набуд.
4. ИЛ –Ман з-ин навомад.
5. Л –Пурошӯб гардад аз ӯ.
6. Л –Ҳама.
7. Л –аз.
8. И –б. 2629 нест.
9. Л –кашад.
10. М –хезад зи ҳар ду нажод.
11. ЛМ –Ҳама шаҳри Эрон; И –Ҳама шаҳри Турон.
12. Л –б. 2632 нест;
    ТПЗИ – Зи хуни Сиёвуш шабу рӯз хоб
    Табаҳ гашт бар ҷони Афросиёб.
    Набояд дигарбора к-аз хуни ин
    Равон хира* гардад, дил андӯҳгин.
    Агар з-ӯ маро ранҷ хоҳад фузуд,
    Қалам рафту ин буданӣ кор буд.
    Фикандам ба некидиҳиш боз пушт,
    Нагардад маро рӯзгорам дурушт. **

* И –тира. ** И –б. охир нест.

www.sattor.com

Мадоредаш андар миёни гурӯҳ,
Фиристед назди шубонон*[1] ба кӯҳ.[2]

Бад он, то надонад, ки ман худ киям,
Бад-эшон супурда зи баҳри чиям.

Наёмӯзад аз[3] кас хирад бонажод,
Зи кори гузашта наёяд-ш ёд».[4]

Бигуфт, он чи ёд омадаш з-он сухан,
Ҳаме нав шумурд ин сарои куҳан.

Чӣ созӣ, ки чора ба дасти ту нест,
Дароз асту дар дому шасти ту нест.

Гар эдун, ки бад бинӣ аз рӯзгор,
Ба некӣ ҳам ӯ бошад омӯзгор.[5]

Биёмад ба дар паҳлавон шодмон,
Ҳама нек будаш ба дил-дар гумон.

Ҷаҳонофаринро ниёиш гирифт,
Мар он шоҳи навро[6] ситоиш гирифт.

Пурандеша шуд, то ба даргаҳ расид,
К-аз он хӯрду бахшиш[7] чӣ ояд падид.[8]

---

1. М –Ба нади шубонон фиристаш.
2.ИЛ –Ба назди шубонон фиристаш ба кӯҳ.
3. ИЛ –Наёмӯзадаш.
4. ИЛ –Наёяд-ш аз он кору кирдор ёд.
5. Л –б. 2638 нест.
6. ИЛМ –Ба шоҳи ҷаҳон-бар.
7. И –Ки то бар зи ранҷаш; Л –Ки бо барзи ранҷаш.
8. ТПЗ – Чӣ донист, к-ӯ ҷон ниҳад бар сараш
В-аз он кишти некӯ бад ояд бараш.
Бипошид тухми накӯӣ ба хок,
Замин шӯр буд, ҷойгоҳаш мағок.
Туфу бод бар ин газанди ҷаҳон,
Батар з-ошкоро мар ӯро ниҳон.

www.sattor.com

СУПУРДАНИ ПИРОН КАЙХУСРАВРО БА ШУБОНОН

Шубонони кӯҳи Қулуро бихонд,
В-аз он шоҳзода[1] суханҳо биронд.

Бад-эшон супурд он дилу дидаро,
Чунон нек пури писандидаро.[2]

Ки «Инро бидоред чун ҷони пок,
Набояд, ки бинад варо боду[3] хок.[4]

2645 Мабодо,[5] ки танг ояд аз[6] рӯзгор,
Агар дидаву дил кунад хостор».

Бигуфтанд яксар, ки «Фармон барем,
Зи фармони ту як замон нагзарем[7]».

Сазошон[8] бубахшид бисёр чиз,
Яке доя бо вай[9] фиристод низ.

Ниҳоданд ангушт бар чашму сар,
Бибурданд бар кӯҳ он тоҷвар.[10]

Бад-ин низ бугзашт чанде, сипеҳр
Ба Хусрав-бар аз меҳр[11] бикшод чеҳр.

---

1. ИЛ –хурд чанде.
2. Л –б. 2643 нест.
3. Л –обу.
4. ТПЗ – Барορед комаш ба некӣ тамом,
   Парастиш кунедаш ҳама чун ғулом.
5. Л –Набояд.
6. Л –ояндаш; И –Бибояд, ки некаш бувад.
7. ИЛ –б. 2646 нест.
8. ИЛМ –Шубонро.
9. ИЛ –ӯ.
10. ИЛ –б. 2648 нест.
11. И –Ба овоз аз ин роз.

www.sattor.com

Чу шуд ҳафтсола гави сарфароз,
Ҳунар бо нажодаш ҳаме гуфт роз.

Зи чӯбе камон кард в-аз рӯда зеҳ,
Зи ҳар сӯ барафканда бар зеҳ[1] гиреҳ.

Абе парру пайкон яке тир кард,
Ба дашт-андар[2] оҳанги нахчир кард.

Чу даҳсола шуд, гашт гурде сутург,
Ба ҷанги гуроз омаду разми[3] гург.

В-аз он ҷойгаҳ шуд ба шеру паланг,
Ҳамон чӯби хаммидааш[4] сози ҷанг.

Чунин то баромад бар ин рӯзгор,
Биёмад ба фармони омӯзгор.[5]

Шубон андаромад зи кӯҳу зи дашт,
Бинолиду наздики Пирон гузашт.

Ки «Ман з-ин сарафроз шери яла
Сӯи паҳлавон омадам бо гила.

Ҳаме кард нахчири оҳу нахуст,
Раҳи шеру ҷанги палангон наҷуст.

Кунун назди ӯ ҷанги шери дамон
Ҳамон асту нахчири оҳу ҳамон.

1. ИЛ –барафганд зеҳро.
2. Л –омад.
3. Л –захми.
4. Л –ҳам аз чӯби хамида буд.
5. Л –парвардгор.

www.sattor.com

Набояд,*[1] ки ояд бар ӯ-бар газанд,
Зи ман бинад ин паҳлавони баланд.[2]

Чу бишнид Пирон, бихандиду гуфт:
«Намонад нажоду ҳунар дар нуҳуфт».

Нишаст аз бари бораи дасткаш,
Биёмад бари шери[3] хуршедфаш,

Ҳамон гаҳ баромад бари ӯ ҷавон,[4]
Нигаҳ кард болои ӯ[5] паҳлавон.

Равон гашт шаҳзода монанди бод,
Биёмад давон, дасти ӯ бӯса дод.

Чу Пирон бидид ончунон[6] фарру чеҳр,
Рухаш гашт пуробу дил пур зи меҳр.

Ба бар даргирифташ замоне дароз,
Ҳаме гуфт бо довари пок роз.

Бад-ӯ гуфт Хусрав, ки «Эй покдин,
Ба ту бод рахшанда Туронзамин.[7]

Азеро касе к-ат бидонад ҳаме
Ба ҷуз меҳрубонат нахонад ҳаме.[8]

---

1. М –мабодо.
2. Л –Ту ногаҳ маро оварӣ зери банд.
3. ИЛ –шоҳи.
4. ИЛМ –Бифармуд, то пеши ӯ шуд ҷавон.
5. Л –Пирон бад-он; И –бо рӯи.
6. ИЛМ –Нигаҳ кард Пирон бад-он.
7. Л –рӯи замин.
8. ТПЗМ – Бад-ӯ гуфт Кайхусрав, «Эй сарфароз,
Ба дидори ман чунк-ат омад ниёз».

www.sattor.com

Шубонзодаеро чунон дар канор
Бигириву аз кас[1] наёяд-т ор».[2]

Хирадмандро дил бар ӯ - бар бисӯхт,
Ба кирдори оташ рухаш барфурӯхт.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй ёдгори меҳон,
Писандидаву носипарда ҷаҳон,

Шубон нест аз гавҳари ту касе
В-аз ин достон аст бо ман басе».

Зи баҳри ҷавон аспи тозӣ бихост,
Ҳамон ҷомаи хусравӣ кард рост.

Ба айвон хиромид бо ӯ ба ҳам,
Равонаш зи баҳри[3] Сиёвуш дижам.

Ҳаме парваронидаш андар канор,
Бад-ӯ шодмон буду беҳрӯзгор.

Аз ӯ дур шуд[4] хӯрду орому хоб,
Зи меҳри ваю хашми[5] Афросиёб.

Бад-ин[6] низ бугзашт чанде сипеҳр,
Ба дил-дар ҳаме дошт орому[7] меҳр.

1. И –Навозиву аз ман.
2. Л –Навозӣ ҳаме, худ наёяд-т-тор.
3. Л –меҳри.
4. ИЛ –буд.
5. И –Бад-он кӯдак аз бими.
6. Л - Бад-ӯ; И - Бар ин.
7. Л – Ба мағз-андарун дошт аз шоҳ; И - Ба мағз - андарун дошт бо шоҳ.

www.sattor.com

ОВАРДАНИ ПИРОН КАЙХУСРАВРО ПЕШИ АФРОСИЁБ

Шаби тира, хангоми орому хоб
Кас омад зи наздики Афросиёб.

Шаҳи номвар паҳлавонро бихонд,
Гузашта суханҳо бар ӯ-бар[1] биронд.

К-«Аз андешаи бад ҳамеша[2] дилам
Бупечад ҳаме, ғам зи дил нагсилам.[3]

Аз ин кӯдаке, к-аз Сиёвуш расид,
Ту гуфтӣ*[4] маро рӯз шуд нопадид,

Набери Фаридун шубон парварад,
Зи рои баланд*[5] ин кай андарх(в)арад?

Аз ӯ гар навишта ба ман-бар бадист,
Нагардад ба парҳез, к-он эзадист.

Чу кори гузашта нагирад[6] ба ёд,
Бувад[7] шоду мо низ бошем шод.

В-агар хеч хӯи бад ояд[8] падид,
Ба сони падар сар-ш бояд[9] бурид».

Бад-ӯ гуфт Пирон, ки «Эй шаҳрёр,
Туро худ набояд кас омӯзгор.

1. И –фаровон.
2. Л –ҳама шаб.
3. Л –бугсилам.
4. М –гӯию
5. М –хирад.
6. ИЛМ –наёрад.
7. ИЛМ –Зияд.
8. И –орад.
9. И – сар бибояд.

www.sattor.com

Яке кӯдаки хурд чун беҳушон
Зи кори гузашта чӣ дорад нишон?

Касеро, ки дар куҳ шубон парварад,
Чу дому дад аст ӯ чӣ донад хирад?

Шунидам зи доранда ин низ дӯш,
Ки шуд он паричеҳр берою ҳуш.

Ба чеҳру ба болост бобурзу фар,
Хирад несташ дар сар, эй тоҷвар.[1]

Ту з-ин худ маяндешу з-ин сон макӯш,
Чӣ гуфт он хирадманди бисёрҳуш,

Ки парвардгор аз падар бартар аст,
Ҳамон роз бо*[2] меҳрубон[3] модар аст.

Агар шоҳ фармон диҳад, дар замон
Биёрам бараш он ситуда ҷавон.[4]

Нахустин зи паймон маро шод кун,
Зи савганди шоҳон яке ёд кун.

Фаридун ба тоҷу*[5] ба тахту кулоҳ
Ҳаме доштӣ ростиро нигоҳ.

Ҳамон Тур, к-аш бахту[6] авранд буд,
Ба додори кайҳон-ш савганд буд.

1. ИЛ -2688 -2690 нест.
2. Ки озодаро.
3. И –Ҳамон зодаро меҳр бо.
4. ИЛ –б. 2693 нест.
5. Фаридуни бофарру.
6. Л –тахту.

www.sattor.com

Ниёзод шамро[1] ба дайҳиму зӯр,
Ба додори баҳрому кайвону ҳур».

Зи Пирон чу бишнид Афросиёб,
Сари марди ҷангӣ даромад ба хоб.

Яке сахт савганди шоҳона х(в)ард
Ба рӯзи сапеду шаби лоҷвард.

Ба додор, к-ӯ ин ҷаҳон офарид,
Сипеҳру даду дому ҷон[2] офарид,

Ки «Н-ояд бад-ин кӯдак аз ман ситам,
На ҳаргиз бад-ӯ[3] барзанам тез дам».[4]

Заминро бибӯсид Пирону гуфт,
Ки «Эй додгар шоҳи бо дод ҷуфт![5]

Ба некӣ хирад раҳнамои ту бод,
Замину замон хоки пои ту бод!»

Ба наздики Кайхусрав омад давон,
Ба рух арғавону ба дил шодмон.

Бад-ӯ гуфт, к-«Аз дил хирад дур кун,
Чу разм оварад, посухаш сур кун.

Марав пеши ӯ ҷуз ба бегонагӣ,
Магардон забон ҷуз ба девонагӣ.

---

1. Л –наёзард ӯро.
2. ИЛМ –Замину замону макон.
3. ИЛМ –бар ӯ.
4. Л –боду дам; И –сард дам.
5. ТПЗИЛ – Ба рӯи замин –бар чу ту шоҳ нест,
Ба мисли* рухат бар фалак моҳ нест.
* ИЛ –ба хубӣ.

www.sattor.com

Магард эч гуна ба гирди хирад,
Як имрӯз бар ту магар бугзарад».

Ба сар барниҳодаш кулоҳи каён,
Бубасташ каёникамар бар миён.

Яке бораи гомзан хост нағз,
Бад-ӯ барнишаст он гави покмағз.

Биёмад ба даргоҳи Афросиёб,
Ҷаҳоне бад-ӯ дида карда пуроб.

Раворав баромад, ки букшой роҳ,
Ки омад навоин гави[1] тоҷхоҳ.

Ҳаме рафт то пеши он[2] шоҳи гурд,
Сипаҳдор Пирон варо пеш бурд,

Биёмад ба наздики Афросиёб,
Ниёро рух аз шарми ӯ шуд пуроб.[3]

Тани паҳлавон гашт ларзон чу бед,
Шуд аз ҷони Кайхусрав ӯ ноумед.

Аз он пас нигаҳ кард, хира бимонд,
Вафоро бихонду ҷафоро биронд.

Бад-он хусравӣ ёлу он чанги ӯй,
Бад-он рафтану ҷоҳу фарҳанги ӯй

Замоне чунин буду букшод чеҳр,
Замона ба дил-ш андаровард меҳр.

---

1. Л –каи.
2. ИЛМ –пеш андарун.
3. Л –б. 2713 нест;
ТПЗИЛ – Замоне нигаҳ карду ӯро бидид,
Ҳаме гашт ранги рухаш нопадид.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй наврасида шубон,
Чӣ огоҳиястат зи[1]*[2] рӯзу шабон,

Бари[3] гӯсфандон чӣ кардӣ ҳаме,
Бузу мешро чун шумардӣ[4] ҳаме?»

Чунин дод посух, ки «Нахчир нест,
Маро худ камону зиреҳ,[5] тир нест».

Бипурсид бозаш зи омӯзгор,
Зи неку бади[6] гардиши рӯзгор.

Бад-ӯ гуфт: «Ҷое ки бошад паланг,
Бидаррад дили мардуми тезчанг».

Се дигар бипурсидаш Афросиёб,[7]
Аз Эрону аз шаҳру аз мому боб.[8]

Чунин дод посух, ки «Даррандашер
Наёрад саги корзорӣ ба зер».

Бипурсид: «Аз эдар ба Эрон шавӣ,
Ба наздики шоҳи далерон шавӣ?»

Чунин дод посух, ки «Бар кӯҳу дашт
Саворе парандуш бар ман гузашт».

Бихандид шоҳу чу гул баршукуфт,
Ба нармӣ ба Кайхусрав он гоҳ гуфт:

1. Л –дорӣ хабарҳо ба.
2. М –огоҳ дорӣ.
3. Л –Ту бо.
4. Л –Заминро чӣ гуна сипардӣ; И –Заминро чӣ гуна сипардӣ; И –Заминро чӣ гуна навардӣ.
5. Л –дили.
6. ИЛ –Баду нек в-аз.
7. Л –аз мому боб.
8. Л –Аз Эрону в-аз шахр в-аз хӯрду хоб.

www.sattor.com

«Нахоҳӣ дабирӣ ту омӯхтан,
Зи душман нахоҳӣ ту кин тӯхтан?»

Бад-ӯ гуфт: «Дар шир равған намонд,
Шубонро бихоҳам ман аз дашт ронд».[1]

Бихандид хусрав зи гуфтори ӯй,
Сӯи паҳлавони сипаҳ кард рӯй.

Бад-ӯ[2] гуфт, к-«Ин дил надорад ба ҷой,
Зи сар пурсамаш, посух орад зи пой.

Наёяд ҳамоно баду нек з-ӯй,[3]
На з-ин сон бувад мардуми кинаҷӯй.

Шав, ӯро ба хубӣ ба модар супор,
Ба дасти яке марди парҳезгор

Фиристаш ба сӯи Сиёвахшгирд,[4]
Магардон бадомӯзро ҳеч гирд.

Бидеҳ, ҳар чи бояд зи ганҷу дирам,
Зи аспу парастандаву бешу кам».

1. Л –б. 2725 -2729 нест.
2. Л –Чунин.
3. Л –аз ӯй.
4. Л –Сиёвушгирд.

www.sattor.com

БОЗГАШТАНИ КАЙХУСРАВ БА СИЁВУШГИРД

Сипаҳбад бад-ӯ[1] гуфт: «Лахте шитоб»,
Биёвардаш*[2] аз пеши[3] Афросиёб.

Ба айвони хеш омад афрӯхта,
Хиромону чашми бадӣ дӯхта.

Ҳаме гуфт, к-аз довари рӯзгор*[4]
Дарахте нав омад ҷаҳонро ба бор.[5]

Дари ганҷҳои куҳан боз кард,
Зи ҳар гунае шоҳро соз кард.

Зи дебову динору дурру гуҳар,
Зи аспу силеҳу кулоҳу камар.

Ҳам аз тахту ҳам бадраҳои дирам,
Зи густурданиҳову аз бешу кам

Ҳама пеши Кайхусрав овард зуд,
Ба доду диҳиш офарин барфузуд.

Гусӣ кардашон сӯи он ҷойгоҳ,
Ки созида буд хусрави некхоҳ.

Бирафтанд шодон бад-он шорсон,[6]
Куҷо гашта буд он замон[7] хорсон.[8]

1. ИЛ –бар ӯ.
2. М –Бурун кардаш.
3. ИЛ –Бурун омад аз пеши.
4. М –кирдгор.
5. И –б. 2738 нест.
6. И –Фиристодашон сӯи он шорсон.
7. И –сар ба сар.
8. Л –б. 2744 нест.

www.sattor.com

Фарангису Кайхусрав он ҷо расид,
Зи ҳар сӯ басе мардум омад падид.

Пазира[1] сипарданд рӯи замин,
Забони ҳама шаҳр пурофарин,

К-аз он*[2] бехбарканда фаррухдарахт
Аз ин гуна шохе баровард бахт.[3]

Зи шоҳи ҷаҳон чашми бад дур бод,
Равони Сиёвуш пур аз нур бод!

Ҳама хори он шаҳр шамшод[4] гашт,
Гиё дар[5] чаман сарви озод гашт.

Даду доми он[6] шодмон гашт низ,
Зи ҷони[7] Сиёвуш ба ҳар кас азиз.[8]

Зи хоке, ки хуни Сиёвуш бих(в)ард,
Ба абр андаромад яке сабз нард.[9]

Нигорида бар баргҳо чеҳри ӯй,
Ҳаме бӯи мушк омад аз меҳри ӯй.

Ба даймаҳ ба сони баҳорон будӣ,
Парастишгаҳи сӯгворон будӣ.

---

1. Л –Ба дида.
2. М –Ки аз.
3. ИЛ –сахт.
4. Л –Ҳаме хоки он бум(у) аз бар шод; И – Ҳама хоки он шорсон шод.
5. ИЛ –бар.
6. И –дом аз он.
7. И –хоки.
8. Л –б. 2750 нест.
9. ТПЗИЛ – Баромад дарахте аз он ҷойгоҳ,
Зи хуни Сиёвахши* фархундашоҳ.
*Л –Сиёвуши.

www.sattor.com

Чунин аст кирдори ин чархи пир,
Ситонад зи фарзанд пистони шир.

Чу пайваста шуд меҳри дил бар ҷаҳон,
Ба хок андаромояд яке[1]*[2] ногаҳон.

Мабошед густох бо ин ҷаҳон,
Ки ӯ бадтарӣ дорад андар ниҳон.[3]

Аз ӯ ту ба ҷуз шодмонӣ маҷӯй,
Ба боғи ҷаҳон барги андӯҳ мабӯй.

Агар тоҷ дорӣ в-агар кафши танг,
Набинӣ[4] ҳаме рӯзгори диранг.

Маранҷон равон, к-ин сарои ту нест,
Ба ҷуз тангтобут ҷои ту нест.

Ниҳодан чӣ бояд, ба хӯрдан нишин
Бар уммеди ганҷи ҷаҳонофарин.

Зи гетӣ туро шодмонист бас,
Ки ӯ ҳеч меҳре надорад ба кас.

Якеро сараш баркашад то ба моҳ,
Фароз оварад росташ зери чоҳ.

Чунин аст кирдори чархи барин,
Гаҳе ин бар ону гаҳе он бар ин.

Зи хуни Сиёвуш гузаштам ба кин
Ба овардани шаҳ зи Туронзамин.

---

1. Л –андароянд яке; И –Ба чанг андароянд сарат.
   *2 М –Рафтани Кайхусрав ба Эронзамин. Оғози достон.
2. М –андар ояд сараш.
3. ИЛ –б. 2756 нест.
4. ИЛ –Набинам.

www.sattor.com

ШИКОЯТИ ФИРДАВСӢ АЗ ПИРИИ ХУД

Чу омад ба наздики сар теғи шаст,
Мадеҳ май, ки аз сол шуд мард маст.

Ба ҷои инонам асо дод сол,
Пароканда шуд молу баргашт ҳол.

Ҳамон дидабон[1] бар сари кӯҳсор
Набинад*[2] ҳаме лашкари бешумор.

Кашидан зи душман надонад инон,
Агар пеши мижгонаш ояд синон.[3]

Гироянда ду тезпои наванд,
Ҳамон шасти бадхоҳ кардаш ба банд.

Сароянда з-овоз баргашт сер,
Ҳамаш лаҳни булбул, ҳам овои шер.

Чу бардоштам ҷоми панҷоҳу[4] ҳашт,
Нагирам ба чуз*[5] ёди тобуту дашт.

Дареғ он гулу мушки хушшоби сӣ,
Ҳамон теғи буррандаи порсӣ.

Нагардад ҳаме гирди насрин тазарв,
Гули норван хоҳаду шоҳи сарв.

---

1. ИЛ –дидбон.
2. М –бубинад.
3. ТПЗ - Пур аз барф шуд кӯҳсори сиёҳ,
   Ҳаме лашкар аз шоҳ бинад гуноҳ.
4. И –ҳаштоду.
5. М –магар.

www.sattor.com

Ҳаме хоҳам аз довари[1] кирдгор,
Ки чандон амон[2] ёбам аз рӯзгор,

К-аз ин номвар номаи бостон
Бимонам ба гетӣ яке достон.

Ки ҳар кас, ки андар сухан дод дод,
Зи ман ҷуз ба некӣ надорад ба*[3] ёд![4]

Бад-он гетиям низ[5] хоҳишгар аст,
Ки бо зулфиқор асту[6] бо минбар аст.

Манам бандаи аҳли байти набӣ,
Сарафканда бар хоки пои васӣ[7]

Ба гуфтори деҳқон кунун бозгард,
Нигар,то чӣ гӯяд сароянда мард.

ОГОҲ ШУДАНИ КОВУС АЗ КОРИ СИЁВУШ

Чу огоҳӣ омад ба Ковусшоҳ,
Ки шуд рӯзгори Сиёвуш табоҳ,

Ба кирдори мурғон сарашро зи тан
Ҷудо кард солори он анҷуман.

Аз ин бегуноҳиш нахчир зор
Гирифтанд шеван ба ҳар кӯҳсор.

---

1. ИЛ –равшани
2. Л –замон.
3. М –Аз ӯ ҷуз ба некӣ нагиранд.
4. Л –Аз ӯ ҷуз ба некӣ нагиранд ёд.
5. Л –Паямбар маро ёру.
6. ЛМ –теғи тез асту.
7. ТПЗ – Чу шуд достони Сиёвуш ба бун,
Зи Кайхусрав орем акнун сухун,
Бигӯям, ки Рустам ба Турон чӣ кард.
Ба кини Сиёвахш он шермард.

www.sattor.com

Бинолад ҳаме булбул аз шохи сарв
Чу дурроҷ зери гулон бо тазарв.

Ҳама буми Турон пур аз доғу дард,
Ба боғ-андарун[1] барги гулнор зард.

Яке ташт бинҳод заррин Гурӯй,
Бупечид чун гӯсфандон-ш рӯй,

Буриданд аз[2] тан сари шоҳвор,
На фарёдрас буду на хостор.

Чу ин гуфта бишнид Ковусшоҳ
Сари тоҷдораш нагун шуд зи гоҳ.

Ҳама[3]*[4] ҷома бидриду рухро биканд,
Ба хок андаромад зи тахти баланд.

Бирафтанд бо мӯя эрониён,
Бар он сӯг баста саворон[5] миён.

Ҳама дида пурхуну рухсора зард,
Забон*[6] аз Сиёвуш пур аз ёдкард.

Чу Тусу чу Гударзу Геви далер,
Чу Шопуру Фарҳоду Баҳроми шер.[7]

---

1. ЛМ –ба беша дарун.
2. ИЛ –аз он.
3. Л –Сабук; И –Бару ҷома.
4. М –Ба бар.
5. И –бар ҷумла баста; Лм –ба зорӣ.
6. М –равон.
7. ТПЗ - Чу Руҳҳому чун Зангаи Шоварон,
Чу Харроди Барзину кундоварон,
Чу Гургину чун Ашкаши шермард,
Чу Шедӯши шер он савори набард.

www.sattor.com

Ҳама ҷома карда кабуду сиёҳ,
Ҳама хок бар сар ба ҷои кулоҳ.

РАСИДАНИ РУСТАМ БА НАЗДИ КОВУС

Пас огоҳӣ омад сӯи Нимрӯз,
Ба наздики солори гетифурӯз,

Ки аз шаҳри Эрон*[1] баромад хурӯш,
Зи марги Сиёвуш ҷаҳон шуд[2] ба ҷӯш.

Пароканд Ковус бар тоҷ хок,
Ҳама ҷомаи хусравӣ кард чок.

Сиёвахшро сар бориданд хор,
Ба хок андаромад сари шаҳрёр.[3]

Таҳамтан чу бишнид, з-ӯ рафт ҳуш,
Зи[4] Зобул ба зорӣ баромад хурӯш.

Ба ангушт рухсора барканд Зол
Пароканд хок аз бари тоҷу ёл[5].

Яке ҳафта бо сӯг гашта[6] дижам,
Ба ҳаштум баромад зи шайпур дам.

---

1. М –Ҳаме хоки тира.
2. ИЛ –Ҳаме хоки тира баромад.
3. ИЛ –б. 32 нест.
4. Л –Ба.
5. ТП – Завора гиребон бидаррид пок,
   Фаромарзро шуд бару сина чок.
   Ҳаме гуфт Рустам або номдор,
   Надидаст даврон чу ту шаҳрёр,
   Дареғо тиҳӣ аз ту Эронзамин,
   Ҳама зору бемору андӯҳгин,
   Дареғо, ки бадхоҳ дилшод гашт,
   Дареғо, ки ранҷам ҳама бод гашт.
6. ЛМ –Ба як ҳафта бо сӯг буду; И –Ба як ҳафта бо сӯг мебуд.

www.sattor.com

Сипаҳ сар ба сар бар дари пилтан
Зи Кашмиру Кобул шуданд анҷуман.

Ба даргоҳи Ковус бинҳод рӯй,
Ду дида пур аз хуну дил киначӯй.

Чу наздикии шаҳри Эрон расид,
Ҳама[1] ҷомаи паҳлавӣ бардарид.

Ба додори доранда савганд х(в)ард,
Ки ҳаргиз танам бесилеҳу набард

Набошад, на рухро бишӯям зи хок,
Сазад, гар набошем аз ин сӯгнок,[2]

Ки то кинаи шоҳ боз оварам,
Сари душманон зери гоз оварам.[3]

Кулаххӯду шамшер ҷоми ман аст,
Ба бозу хами хом доми ман аст.[4]

Магар кини он шаҳрёри ҷавон
Бихоҳам[5] аз он турки тираравон.[6]

---

1. Л –Дигар.
2. Л –Сазад гар набошад бад-ин сӯг бок.
3. ИЛ –б. 41 нест.
4. ТПЗ – На Турон бимонам, на Афросиёб,
Зи хун шаҳри Турон кунам рӯди об.
5. ИЛМ –Бичӯям.
6. ТПЗ – Чу фардо барояд баланд офтоб,
Ману гурзу майдону Афросиёб.
Чунонаш бикӯбам ба гурзи гарон,
Ки пӯлод кӯбанд оҳангарон.
Чунон то ба наздики Эрон расид,
Хабар з-ӯ ба шоҳи далерон расид.
Ки омад Таҳамтан ба монанди абр,
На бар сар-ш хӯду на дар тан-ш бабр.
Зи сӯги Сиёвуш пур аз об рӯй,
Ба рух барниҳода зи дида ду ҷӯй.

www.sattor.com

Чу омад бари тахти Ковуси кай,
Сараш буд пурхоку пурхок пай.

Бад-ӯ гуфт: «Хӯи бад, эй шаҳрёр
Парокандиву тӯҳмат омад ба бор.

Туро ишқи Судобаву бадхуӣ.[1]
Зи сар баргирифт он кулоҳи каӣ.[2]

Кунун ошкоро бубинӣ ҳаме.
Ки бар мавҷи дарё нишинӣ ҳаме.

Аз андешаву хӯи шоҳи сутург
Даромад ба Эрон зиёни бузург.

Касе, к-ӯ бувад меҳтари анҷуман,
Кафан беҳтар ӯро зи фармони зан!

Бузургон пиёда пазира шуданд,
Абе кӯсу тавқу табира шуданд,
Ҳама зору гирёну пуроб рӯй,
Забон шоҳгӯю равон шоҳҷӯй.
Чу Рустам бидиданд эшон зи дур,
Ту гуфтӣ зи гетӣ баромад нуфур,
Або зориву нолаву дарду ғам
Расида бузургону Рустам ба ҳам
Ба пурсиш гирифтанд мар якдигар,
Ба дарди Сиёвуш пур аз хун ҷигар.
Ба зорӣ ҳаме гуфт пас Пилтан,
Ки шоҳо, далеро, сари анҷуман.
Каё, кайнажодо, шаҳо, хусраво,
Ҷаҳоншаҳрёрову кундоваро!
Зи дарди ту хуршед гирён шавад,
Ҳамон моҳро сина бирён шавад.
Куҷо он далериву нерӯи пил,
Ки аз дарди ту хушк шуд рӯди Нил,
Хуш он рӯз, к-андар гулистон будем,
Ба базми сарафроз Дастон будем.
Бад-ин сон ҳаме рафт зорикунон,
Ки омад бад-он боргоҳи каён.

1. ИЛ –бадхавӣ.
2. ИЛ –афсари хусравӣ.

www.sattor.com

Сиёвуш зи гуфтори зан шуд ба бод,
Хуҷаста зане, к-ӯ зи модар назод.

Зи шоҳон касе чун Сиёвуш набуд.
Чу ӯ роду озоду[1] хомуш набуд.[2]

Дареғ он руху[3] бурзу болои ӯй,[4]*[5]
Дареғ он рухи хусраворои ӯй,[6]

Дареғ ончунон номвар шаҳрёр,[7]
Ки чун ӯ набинад дигар рӯзгор.[8]

Чу бар гоҳ[9] будӣ, баҳорон будӣ
Ба базм афсари шаҳрёрон[10] будӣ.[11]

Ба разм-андарун шеру бабру паланг,
Надидаст кас ҳамчу ӯ тезчанг.[12]

Кунун ман дилу мағз то зиндаам,
Ба кини Сиёвахш огандаам.[13]

---

1. И –Далеру хунарманду.
2. Л –пас аз б. 51 ин б. омада:

    Дареғ он бару бозуву ёли ӯй,
    Дареғ он бару чангу кӯполи ӯй.

3. И –бару.
4. ИЛ –ӯ.
5. М –сару бозуву ёли кӯй.
6. ИЛ – Рикебу ҳаму хусравипои ӯ
7. И - Дареғ он гави номбурда савор.
8. Л - б. 53 нест.
9. ИЛ – дар базм.
10. ИЛ –Ба разм афсари номдорон.
11. ИЛМ –пас аз б. 54 ин б. омада:

    Чу бар гоҳ будӣ, дурафшон будӣ,
    Чу дар ҷанг будӣ, сарафшон будӣ.*

    * И –Ба базм - андарун моҳи рахшон будӣ.
12. ИЛ –б. 55нест.
13. Л – Ба кини Сиёнуш парокандаам.

www.sattor.com

Ҳама ҷанг бо чашми гирён кунам,
Ҷаҳон чун дили хеш бирён кунам».

КУШТАНИ РУСТАМ СУДОБАРО ВА ЛАШКАР КАШИДАН

Нигаҳ кард Ковус дар чеҳри ӯй,
Чунон ашки хунину он[1] меҳри ӯй.

Надод эч посух мар ӯро зи шарм,
Фурӯ рехт аз дидагон оби[2] гарм.

Таҳамтан бирафт аз бари тахти ӯй,
Сӯи кохи Судоба бинҳод рӯй.

Зи парда ба гесӯш берун кашид,
Зи тахти бузургиш дар хун кашид.

Ба ханҷар ба ду нима[3] кардаш ба роҳ,
Наҷунбид бар тахт Ковусшоҳ.[4]

Биёмад ба даргоҳ бо сӯгу дард,
Пур аз хун ду дида, ду рухсора зард.

Ҳама шаҳри Эрон ба мотам шуданд.
Пур аз дард наздики Рустам шуданд.

Ба як ҳафта бо сӯгу бо оби чашм
Ба даргоҳ биншаст бо дарду хашм.

Ба ҳаштум бизад нои рӯину кӯс,
Биёмад ба даргоҳ Гударзу Тус.

1. Л –хунини бо.
2. И –дида хуноби.
3. ИЛ –ним.
4. ТПЗ – Таҳамтан чу пардохт аз кори ӯй,
Дилаш тезтар шуд зи озори ӯй.

www.sattor.com

Чу Шедушу Фарҳоду Гургину[1] Гев
Чу Руҳҳому Шопуру Харроди[2] нев.

Фарибурзу Ковусу Баҳароми шер,[3]
Гуроза, ки буд аждаҳои далер.

Бад-эшон чунин гуфт Рустам, ки «Ман
Бад-ин кин ниҳодам дилу ҷону тан,

Ки андар ҷаҳон чун Сиёвуш савор
Набандад камар низ як номдор.[4]

Чунин кор яксар мадоред хурд,
Ки ин кинаро хурд натвон шумурд.

Зи дилҳо ҳама тарс берун кунед,
Заминро зи[5] хун рӯди Ҷайҳун кунед.

Ба Яздон, ки то дар ҷаҳон зиндаам,
Ба дарди Сиёвуш дил огандаам.

Бад-он шаххи бенам,[6] куҷо хуни ӯй
Фарӯ рехт нокордида Гурӯй,

Бимолид хоҳам ҳаме чашму рӯй,
Магар бар дилам кам шавад дарди ӯй.

В-агар ҳамчунонам бар ӯ баста чанг,
Ниҳода ба гардан барам*[7] полаҳанг,

1. Л –Чу Фарҳод бо Гурдбаҳрому; И –Чу Фарҳоду чун Гурдбаҳрому.
2. ИЛ –Чу Гургини Милоду Шопури.
3. Л –Руҳҳоми шер. И –Ковуси даррандашер.
4. И –дар гаҳи корзор.
5. ИЛ –ба.
6. Л –ташти заррин.
7. М –Яке.

www.sattor.com

Ба хок афканад зор чун гӯсфанд,
Ду дастам бубаста ба хамми каманд.

В-агарна ману гурзу шамшери тез,
Барангезам андар ҷаҳон растахез.

Набинад ду чашмам магар гарди разм,
Ҳаром аст бар ҷони ман ҷоми базм».

Куноранг бо паҳлавон хар[1] кӣ буд,
Чу[2] з-он*[3] гуна гуфтори Рустам шунуд,

Ҳама баргирифтанд яксар хурӯш,
Ту гуфтӣ, ки Эрон[4] баромад[5] ба ҷӯш.

Аз Эрон яке бонг баршуд ба абр,
Ту гуфтӣ замин шуд куноми ҳизабр.[6]

Бизад мӯҳра бар пушти пилон ба ҷом,
Сипаҳ теғи кин баркашид аз ниём.

Баромад харӯшидани говдум,
Дами ною рӯину рӯинахум.

Ҷаҳон шуд пур аз кини Афросиёб,
Ба дарё, ту гуфтӣ, ба ҷӯш омад об.

Набуд ҷой пӯяндаро бар замин,
Зи найза ҳаво монд*[7] андар камин.

1. ИЛ – Ба даргоҳ хар паҳлавоне.
2. ИЛ –К-аз.
3. М –К-аз он.
4. Л –майдон даромад.
5. И –майдон.
6. И –Ки омад худованди кӯполу кабр.
7. М –монда.

www.sattor.com

Ситора ба ҷанг андаромад нахуст,
Замону замин дасти бадро бишуст.

Бубастанд гурдони Эрон миён,
Ба пеш-андарун ахтари ковиён.

Гузин кард пас Рустами зобулӣ
Зи гурдони шамшерзан кобулӣ,

Аз Эрону аз бешаи Норван
Шуданд аз ялон сад[1] ҳазор анҷуман.

КУШТАНИ ФАРОМАРЗ ВАРОЗОДРО

Сипаҳро Фаромарз буд пешрав,
Ки фарзанди ӯ буду солори нав.

Ҳаме рафт, то марзи Турон расид,
Ки аз дидагаҳ[2]*[3] дидбонаш бидид.

Варозод шоҳи Сапеҷоб буд,
Миёни гавон дурри хушшоб буд.

Чу омад ба гӯш-андараш каррной,
Дами бӯқу овои ҳиндидарой.

Бизад кӯсу лашкар ба ҳомун кашид,[4]
Зи ҳомун ба дарёи хун оварид.

Сипаҳ буд шамшерзан сӣ ҳазор,
Ки буданд шоистаи корзор.[5]

1. И –даҳ.
2. Л –Чун он бадгумон.
3. М –Ба раҳ бадгумон.
4. ЛМ –бурун оварид.
5. ИЛМ –Ҳама размҷӯю ҳама номдор.

www.sattor.com

Варозод аз қалби лашкар бирафт,
Биёмад ба назди Фаромарз тафт.

Бипурсиду гуфташ: «Чӣ мардӣ, бигӯй,
Чаро кардаӣ сӯи ин марз рӯй?

Ҳамоно ба фармони шоҳ омадӣ,
Гар[1] аз паҳлавони сипоҳ омадӣ?

Надорӣ зи Афросиёб огаҳӣ,
Зи авранг в-аз тахту тоҷи меҳӣ?

Сазад, гар бигӯӣ маро номи хеш,
Бубинӣ бад-ин*[2] кор фарҷоми хеш,

Набояд, ки бе ном бар дасти ман
Равонат барояд зи торик тан».

Фаромарз гуфт: «Эй гави шӯрбахт,
Манам бори он паҳлавонидарахт.[3]

Ки бар дасти ӯ шер печон шавад,
Чу хашм оварад, пил беҷон шавад.

Маро бо ту, бадгавҳари девзод,
Чаро кард бояд чиву чанд ёд?

Гави пилтан бо сипоҳ аз пас аст,
Ки андар ҷаҳон кинахоҳ ӯ бас аст.

Ба кини Сиёвуш камар бар миён
Бубасту биёмад чу шери жиён.

1. Л –В-ар.
2. М –Ки бинӣ бар ин.
3. ИЛ – хусравонидарахт.

www.sattor.com

Барорад аз ин марзи беарз дуд.
Ҳаво гарди ӯро наёрад бисуд».[1]

Варозод бишнид гуфтори ӯй,
Ҳама хом донист пайкори[2] ӯй.

Ба лашкар бифармуд, к-андарниҳед,*[3]
Камонро саросар ба зеҳ барниҳед.

Рада баркашид аз ду рӯя сипоҳ,
Ба сар барниҳода аз оҳан кулоҳ.

Зи ҳар сӯ баромад зи лашкар[4] хурӯш,
Ҳаме кар шуд аз нолаи кӯс гӯш.*[5]

Чу овози кӯс омаду каррной,
Фаромарзро дил баромад зи ҷой.

Даромад ба кирдори пили жиён,
Ба бозу камону камар бар миён.[6]

Ба як ҳамла кардан зи гурдон ҳазор
Бияфканду баргашт аз корзор.

Ҳаме шуд Фаромарз найза ба даст,
Варозодро пои рафтан бубаст.

Дурафши сипаҳдори туркон бидид,
Чу шер аз миёни сипаҳ бардамид.[7]

---

1. ТП – На лашкар бимонад, на Афросиёб,
На кишту на марзу на рахшанда об.
2. Л – кирдор.
3. М – дамед.
4. ИЛМ – саросар.
5. М – Замин омад аз наъли аспон ба ҷӯш.
6. Л – Ба бозу каманду ба зеҳ бар камон.
7. ТПЗИЛ – Гирифтанд аз эшон ҳазору дувист
Варозодро гуфт лашкар: «Маист!

www.sattor.com

Барангехт аз ҷой шабрангро,
Бияфшурд бар найза-бар чангро.

Яке найза зад бар камарбанди ӯй,
Ки бугсист ҳафтону пайванди ӯй.

Чунон баргирифташ зи зини ханданг,[1]
Ки[2] гуфтӣ яке пашша дорад ба чанг.

Бияфканд бар хоку омад фуруд,
Сиёвахшро дод чанде дуруд.

Сари номвар дур кард аз танаш,
Ба хун - андар олуд[3] пероҳанаш.

Чунин гуфт к-инат сари[4] кин нахуст
Пароканда шуд[5] тухму аз хок[6] руст.

Ба буму бараш оташ андарзаданд,[7]
Ҳаме дуд бар шуд ба чархи баланд.

Яке нома бинвишт назди падар
Зи кори Варозоди пархошх(в)ар.

Ки ин рӯз бодафраҳи эзадист,
Мукофоти бадро зи Яздон бадист».
Чунон лашкари гашну чандин савор
Саросема гаштанд аз корзор.
Сипаҳбад чу рӯи Варозод дид,
Хурӯш аз миёни сипаҳ баркашид.

1. ИЛМ – паланг.
2. Л – Ту.
3. ИЛ – Ба кина биёлуд.
4. ТП – бари.
5. Л – гашт
6. ИЛ – пархош
7. ИЛ – фиканд.

www.sattor.com

Ки андаркушодам[1] дари кину ҷанг
Варо баргирифтам зи зини ҳаданг.[2]

Ба кини Сиёвуш буридам сараш,[3]
Барангехтам оташ аз кишвараш.[4]

ЛАШКАР КАШИДАНИ СУРХА БА ҶАНГИ РУСТАМ

В-аз он сӯ равон шуд наванде ба роҳ
Ба наздики солори туронсипоҳ,

Ки омад ба кин Рустами пилтан,
Бузургони Эрон[5] шуданд анҷуман.[6]

Варозодро сар буриданд зор[7]
Баровардa аз марзи Турон димор.

Сипаҳро саросар ба ҳам барзаданд,
Ба буму бараш[8] оташ андарзаданд.

Чу бишнид Афросиёб ин сухан,
Ғамӣ гашт аз он[9] гуфтаҳои куҳан

Ки бишнида буд аз лаби бихрадон
Зи ахтаршиносону аз мӯбадон.

Зи кишвар саросар меҳонро бихонд,
Дирам доду ганҷи куҳан барфишонд.

---

1. ИЛ – эдар.
2. ИЛ – паланг.
3. И – буридам-ш сар.
4. И – буму бар.
5. Л – Зи Эрон бузургон; И – Аз Эрон бузургон.
6. ТПЗ – Фаромарз омад нахустин зи роҳ,
Миён баста бар кини туронсипоҳ.
7. ИЛМ – хор.
8. И – Бар он буму бар.
9. И – Ба ёд омадаш.

www.sattor.com

Намонд эч дар дашт аспон яла,
Биёвард чӯпон ба майдон гала.

Дари ганҷу кӯполу баргустувон,
Ҳамон теғу тиру камони гавон.

Ҳамон ганҷи динору зарру гуҳар,
Ҳамон афсару тавқу заррин камар.

Зи дастуру ганҷур бистад калид,
Ҳама коху майдон дирам густарид.

Чу лашкар саросар шуд ороста,
Бар эшон пароканда шуд хоста.

Бизад кӯси рӯину[1] ҳиндидарой,
Саворон сӯи размкарданд рой.[2]

Шаҳаншаҳ[3] чу аз Ганг берун кашид,
Сипаҳро зи тангӣ ба ҳомун кашид.[4]

Зи кундоварон Сурхаро пеш хонд,
Зи Рустам фаровон суханҳо биронд.

Бад-ӯ гуфт: «Шамшерзан сӣ ҳазор
Бубар номдор аз бари корзор.

Ба сӯи Сапеҷоб рав ҳамчу бод,
Зи орому шодӣ макун ҳеч ёд.

---

1. И – ҳиндиву.
2. И – ҷой.
3. ИЛМ – Сипаҳбад.
4. ТПЗ – Сипоҳе ба монанди дарёи об,
Наҳанги сипаҳ буд Афросиёб.

www.sattor.com

Фаромарз он ҷост бо лашкараш
Бибояд фиристод эдар сараш.[1]

Нигаҳ дор ҷон аз бади пури Зол,
Ба ҷангат набошад ҷуз ӯ кас ҳамол.

Ба ҷое ки пархош ҷӯяд паланг,
Саги корзорӣ чӣ санҷад*[2] ба ҷанг?!

Ту фарзандиву некхоҳи манӣ,
Сутуни сипоҳиву моҳи манӣ.

Чу бедордил бошиву роҳҷӯй,
Кӣ ёрад ниҳодан ба сӯи ту рӯй?

Кунун пешрав бошу бедор бош,
Сипаҳро зи Рустам нигаҳдор бош!»[3]

---

1. ИЛ – б. 144, 145 нест.
2. М – наёяд.
3. ТПЗД – Бад ӯ* гуфт Сурха, ки «Эй шаҳрёр,
Зи ҷони Таҳамтан барорам димор.
Фаромарзро даст баста чу санг,
Ба гардан ниҳода варо полаҳанг,
Биёрам ба даргоҳи Афросиёб,
Сари найза бугзорам аз офтоб.
Ба ҷое ки пархош ҷӯяд паланг,
Саги корзорӣ чӣ санҷад,** ба ҷанг?!»
Бад-ӯ гуфт пас шоҳи туронсипоҳ,
Ки «Эй номварзодаи размхоҳ,
Яке достон дорам аз рӯзгор,
Ки ҳар ҷой дорам ҳаме ёдгор,
Саги кордида бигирад паланг
Зи рӯбаҳ рамад шери нодидаҷанг.
Фаромарз пури ҷаҳонпаҳлавон,
Далер асту бедору тухми гавон.
Набояд, ки эмин шавӣ з-ӯ ба ҷанг,
Ки дар рангсозӣ бувад бediранг.
Далерӣ куну разми эшон басеч,
Машав эмин аз кори эшон ту ҳеч».
Чу якчанд аз ин достонҳо биронд,
Буна барниҳоду сипаҳ барнишонд.

*Л – Чунин. ** Л – наёяд.

www.sattor.com

Зи пеши падар Сурха берун кашид,
Дурафшу сипаҳ сӯи ҳомун кашид.

Ба сӯи Сапеҷоб омад чу бод
Ҷуз андешаи разм номад-ш ёд.[1]

Талоя чу гарди сипаҳ дид, рафт
Бупечид сӯи Фаромарз тафт.

Аз эронсипаҳ бар шуд овои кӯс.
Зи гарди сипаҳ шуд ҷаҳон обнӯс.

Хурӯши саворону аспон зи дашт
Зи хуршеду ноҳид бартар гузашт.

Дурахшидани теғи алмосгун,
Синонҳои оҳордода ба хун.

Ту гуфтӣ, ки бар шуд зи[2] гетӣ бухор,
Барафрӯхт аз он[3] оташи корзор.

Зи кушта фиканда ба ҳар сӯ сарон,
Замин кӯҳ гашт аз карон то карон.

Чу Сурха бад-он гуна пайкор дид,
Синони Фаромарзи солор дид.

Инонро ба бӯри сарафроз дод,
Ба найза даромад, камон боз дод.

Фаромарз бугзошт қалби сипоҳ,
Сӯи Сурха бо найза шуд кинахоҳ.[4]

---

1. И – б. 152 нест.
2. И – ба.
3. И – Барафрӯхта з-он.
4. ТПЗ – Бад-ӯ гуфт, к-эй «турки баргаштабахт,
Ҳамин дам бубандам-т бар тахта рахт.

www.sattor.com

Яке найза зад ҳамчу Озаргушасп,
Зи кӯҳа бибурдаш суи ёли асп.

Зи нерӯи аспону аз[1] захми сахт,
Фаромарзро найза шуд лахт-лахт.

Зи Тӯрон сарон сӯи ӯй омаданд,
Пур аз кину пархошҷӯй омаданд.

Бидонист Сурха, ки поёб ӯй
Надорад, ғамӣ шуд, бупечид[2] рӯй.

Пас андар Фаромарз чун пили маст
Ҳаме тохт бо теғи ҳиндӣ ба даст.

Савторони Эрон ба кирдори дев,
Дамон аз пасаш[3] баркашида ғирев.

Фаромарз чун Сурхаро ёфт, чанг
Биёзид бар сони тозонпаланг.

Сиёвахшро хун бирезӣ ба хок,
Натарсӣ зи додору нояд-т бок.
Ту боре чӣ номӣ дар ин паҳндашт,
Ки марг андар ин дашт сӯи ту гашт?»
Бад-ӯ гуфт, Сурха, ки «Инҳо магӯй,
Чӣ донӣ, ки гетӣ чӣ орад ба рӯй,
Манам Сурха аз тухми Афросиёб,
Ки сӯзад зи бимам наҳанг андар об.
Аз он омадам сӯи майдони ту,
Ки аз тан раҳонам магар ҷони ту.
Бигуфту яке найза зад бар камар,
Наҷунбид бар зин гави номвар.
Бихандиду гуфташ: Бубин зӯри пил,
Ки гардад ҷаҳон пеши чашмат чу Нил.

1. Л – эшон в-аз.
2. И – гашту печид.
3. ИЛ – пасу.

www.sattor.com

Камарбанд бигрифт в-аз пушти зин
Бароварду ногаҳ бизад[1] бар замин.

Пиёда ба пеш андарафканд хор,
Ба лашкаргаҳ овардаш аз корзор.

Дурафши Таҳамтан ҳамон гаҳ зи роҳ
Падид омаду бонги пилу[2] сипоҳ.

Фаромарз пеши падар шуд чу гард
Ба пирӯзӣ аз рӯзгори набард.

Ба пеш - андарун Сурхаро баста даст,
Бурида Варозодро ёл паст.

Ҳама ғору ҳомун пур аз кушта буд,
Сари душман аз ҷанг баргашта буд.

Сипоҳ офарин хонд бар паҳлавон,
Бар он номбардор гурди ҷавон.

Таҳамтан бар ӯ офарин кард низ,
Ба дарвеш бахшид бисёр чиз.[3]

Яке достон зад бар ӯ пилтан,
Ки «Ҳар кас, ки сар баркашад з-анҷуман,

Ҳунар бояду гавҳари номдор,
Хирад ёру фарҳангаш омӯзгор.

Чу ин чор гавҳар ба ҷой оварад,
Ба мардӣ ҷаҳон зери[4] пой оварад.

1. И – Баровард зад ногаҳон.
2. И – бонг карда.
3. ТПЗ – Фаромарзро дид ҳамчун наҳанг,
Сару досташ аз хун шуда лоларанг.
4. ИЛМ –Диловар шавад парру.

www.sattor.com

Аз оташ набинӣ ҷуз афрӯхтан,
Ҷаҳоне чу пеш оядаш сӯхтан».

Фаромарз нашгифт, агар саркаш аст,
Ки пӯлодро дил пур аз оташ аст».

Чу овард бо санги хоро кунад,
Зи дил рози хеш ошкоро кунад.

Ба Сурха нигаҳ кард пас пилтан,
Яке сарви озод буд дар чаман.[1]

Бараш чун бари шеру рух чун баҳор.
Зи мушки сияҳ карда бар гул нигор.

Бифармуд пас, то барандаш ба дашт
Або ханҷару рӯзбонону ташт.

Бубанданд дасташ ба хамми каманд,
Бимоланд[2] бар хок чун гӯсфанд.

Ба сони Сиёвуш сарашро зи тан
Бибурранду каргас бипӯшад[3] кафан.

Чу бишнид Туси сипаҳбад, бирафт,
Ба хун рехтан рӯй бинҳод тафт.

Бад-ӯ Сурха гуфт: «Эй сарафроз шоҳ,
Чаро кушт хоҳӣ маро бегуноҳ?

Сиёвуш маро буд ҳамсолу дӯст,
Равонам пур аз дарду андӯҳи ӯст.

---

1. Л -181 -183 нест.
2. ЛМ –Бихобанд.
3. Л –к-аз кас напӯшад.

www.sattor.com

Маро дида пуроб буд рӯзу шаб,
Ҳамеша ба нафрин кушодам ду лаб:

Бар он кас, ки он шоҳро сар гирифт,
Бар он кас, ки он ташту ханҷар гирифт».[1]

Дили Тус бахшоиш овард сахт,
Бар он номбардори гумкардабахт.

Бари Рустам омад, бигуфт ин сухун,
Ки афканда пури сипаҳдор бун.

Чунин гуфт Рустам, ки гар шаҳрёр
Чунон доғдил шояду сӯгвор,

Ҳамеша дилу ҷони Афросиёб
Пур аз дард бодо ду дида пуроб.

Ҳамин кӯдак аз пушти он бадҳунар
Ҳаме ҷораву ҳила созад дигар.

Нишонда Сиёвуш ба хок-андарун,
Бару ёлу мӯяш шуда ғарқи хун.

Ба ҷону сари шоҳи Эронзамин,
Сарафроз Ковуси боофарин,

Ки то ман ба гетӣ бувам, зиндаро
Зи туркон агар шоҳу гар бандаро

Ҳар он кас, ки ёбам, сарашро зи тан
Бибуррам аз он марз в-аз анҷуман.

1. ИЛ - Чӣ резӣ ҳаме хуни ман.
ТпЗ - Бубахшой бар навҷавонии ман,
Бад-ин бозуи хусравонии ман.

www.sattor.com

Ба сӯи Завора нигаҳ кард шер,
Бифармудаш он хуни бас ногузир.[1]

Ҳамон ташту ханҷар Завора бибурд,
Ҷавонро бад-он рӯзбонон супурд.

Сарашро ба ханҷар буриданд зор
Замоне хурӯшиду баргашт кор.

Ҷаҳоно, чӣ хоҳӣ зи парвардагон?
Чӣ парвардагон? –Доғидилбурдагон![2]

Сар аз тан ҷудо карду бар дор кард,
Ду пой аз бари сар нагунсор кард.

Бар он кушта аз кин барафшонд*[3] хок,
Танашро ба ханҷар бикарданд[4] чок.

ЛАШКАР КАШИДАНИ АФРОСИЁБ БА КИНИ ПИСАР

Чу лашкар биёмад зи дашти набард,
Танон пур зи хуну сарон пур зи гард.

Бигуфтанд, к-он номвар кушта шуд,
Чунон давлати тез баргашта шуд.

Бурида сарашро нагунсор[5] кард,
Танашро ба хун ғарқа[6] бар дор кард.[7]

---

1. Л –б. 197 -202 нест.
2. И –б. 205 нест.
3. М –барангехт.
4. ИЛ –ҳамекард.
5. Л –абар дор.
6. И –Сар аз тан ҷудо карду.
   ТП – Сари Сурха бубрид гурди далер,
   Ҳама лашкар аз ҷанг баргашт сер.
7. Л –Ду пой аз бари сар нагунсор кард.

www.sattor.com

Ҳама шаҳри Эрон камар бастаанд,
Зи кини[1] Сиёвуш ҷигар хастаанд.

Нагун шуд сару тоҷи Афросиёб,
Ҳаме канд мӯю ҳаме рехт об.

Ҳама ҷомаи хусравӣ кард чок,
Хурӯшон ба сар-бар барафшонд хок.

Ҳаме гуфт: «Родо, далеро, гаво,
Саро, номдоро, яло, хусраво!

Дареғ он*[2] рухи арғавонӣ чу моҳ,
Дареғ он*[3] бару бурзу болои шоҳ.

Наҷӯяд падар ҳеч оромгоҳ,
Магар зини чарма ба овардгоҳ».

Чунин гуфт бо лашкар Афросиёб,
Ки «Бар мо сар омад кунун хӯрду хоб.[4]

Ҳама кинаро чашм равшан кунед,[5]
Ниҳолӣ зи хафтону ҷавшан кунед».[6]

Чу бархост овои кӯс аз дараш,
Бипӯшид ҷавшан ҳама лашкараш.

Бизад нои рӯин абар пушти пил,
Ҷаҳон шуд зи лашкар чу дарёи Нил.

---

1. ИЛ –хуни.
2. М –ин.
3. М –ин.
4. И –б. 214 -217 нест.
5. ЛМ –кунем.
6. ЛМ –кунем.

www.sattor.com

Чу бар кӯҳаи пил барбаст кӯс,
Ҳаме осмон бар замин дод бӯс.

Ба гурдони лашкар-ш овоз кард,
Ки «Эй номдорону мардони мард[1],

Чу бархезад овози кӯс аз ду рӯй,
Наҷӯяд замон марди пархошҷӯй.[2]*[3]

Ҳама размро дил пур аз кин кунем,
Тани душманон ҷои жӯпин кунем».

Бигуфт ину фармуд,то каррной
Дамиданд бо синҷу ҳиндидарой.[4]*[5]

Хурӯш омаду нолаи говдум,
Дами нои сарғину рӯинахум.

Замин омад аз наъли аспон ба ҷӯш,
Ба абр андаромад зи лашкар[6] хурӯш.

Чу бархост аз дашт гарди сипоҳ,
Кас омад бари Рустами кинахоҳ,[7]

Ки омад сипаҳдор Афросиёб,
Сипоҳи дамон ҳамчу киштӣ бар об.

Ҳама сохта кинаву чангро,
Ҳама тез карда ба хун[8] чангро.

1. Л –б. 219 -222 нест.
2. Л –мардуми айбҷӯй.
3. М –б. 219 -223 нест.
4. И -219 -225 нест.
5. М –б. 225 нест.
6. ИЛ –синону.
7. ЛМ –Рустам аз дидагоҳ.
8. ИЛ –бадӣ.

www.sattor.com

Сипаҳбад гави пилтан чун шунид,
Ки омад сипаҳдори Турон[1] падид,

Бирафтанд бо ковиёнӣ дурафш,
Зи теғи далерон ҳаво шуд бунафш.

Баромад хурӯши сипоҳ аз ду рӯй,
Ҷаҳон шуд пур аз мардуми ҷангҷӯй.[2]

Хуру моҳ гуфтӣ ба ранг-андар аст,
Ситора ба коми наҳанг-андар аст.

Сипаҳдори Турон баророст ҷанг,
Гирифтанд кӯполу жӯпин ба чанг.

Биёмад сӯи маймана Бормон,
Зи туркон сипоҳе давону дамон.

Сӯи майсара Кӯҳрами теғзан,
Ба қалб-андарун хусрави анҷуман.

В-аз он рӯй Рустам сипаҳ баркашид,
Замин шуд зи гарди ялон нопадид.

Бисозид бар қалбгаҳ ҷои хеш,
Завора пас-андар,[3] Фаромарз пеш.

Чу Гударзи Кашвод бар майсара,
Ҳаҷиру гаронмоягон яксара.

---

1. И –туркон.
2. ТПЗЛ – Ту гуфтӣ на шаб буд пайдо, на рӯз,
Ниҳон гашт хуршеди гетифурӯз.
3. Л –пас эдар.

www.sattor.com

Биёрост бар даймана Геву Тус,
Саворони бедор бо бӯқу[1] кӯс.[2]

Таҳамтан басечид мар ҷангро,[3]
Барафрошт аз кин дили тангро.[4]

Шуд аз сумми аспон замин мушкранг,
Зи найза ҳаво ҳамчу[5] пушти паланг.[6]

Ту гуфтӣ ҳаво[7]*[8] кӯҳи оҳан шудаст,
Сари кӯҳ пуртарку ҷавшан шудаст.

Ба абр андаромад синони дурафш,
Дурахшидани теғҳои бунафш.[9]

КУШТА ШУДУНИ ПИЛСАМ БА ДАСТИ РУСТАМ

Биёмад ба қалби сипаҳ Пилсам,
Диле пур зи кин, чеҳра карда дижам.

Чунин гуфт бо шоҳи туронсипоҳ,
Ки «Эй пурхирад, номбардор шоҳ,

Гар эдун, ки аз ман надорӣ дареғ,
Яке бора бо ҷавшану тарку теғ,

1. ИЛМ –пилу.
2. ТПЗ – Фарибурз бо Рустами кинахоҳ,
   Ситоданд бо найза дар қалбгоҳ.
3. ИЛ –кинаро.
4. Л –бару синаро; И –дилу синаро.
5. И –шуд чу.
6. ТПЗЛ – Чунин буд ҳар ду сипаҳ ҳамгурӯҳ,
   На з-он сӯ сутӯҳу на з-ин сӯ шикӯҳ.*
   * Л –На з-он сӯ сутуну на з-он сутӯҳ.
7. ИЛ –ҷаҳон.
8. М –замин.
9. И –б. 245 нест.

www.sattor.com

Або[1] Рустам имрӯз ҷанг оварам,
Ҳама номи ӯ зери нанг оварам.

Ба пеши ту орам сару Рахши ӯй,
Ҳамон гурзу теғи ҷаҳонбахши ӯй».

Аз ӯ шод[2*3] шуд ҷони Афросиёб,
Сари найза бугзошт аз офтоб.

Бад-ӯ гуфт, к- «Эй номбардор шер,
Ҳамоно, ки пилат наёрад ба зер,

Агар пилтанро ба чанг оварӣ,
Замона баросояд аз доварӣ.

Ба Турон набошад чу ту кас ба ҷоҳ,
Ба тахту ба мӯҳру ба теғу кулоҳ.

Ба гардонсипеҳр андарорӣ сарам,
Супорам ба ту духтару афсарам.

Аз Эрону Турон ду баҳр они туст,
Ҳамон гавҳару ганҷу шаҳр они туст».

Чу бишнид Пирон, ғамӣ гашт сахт,
Биёмад бари шоҳи пирӯзбахт.

Бад-ӯ гуфт, к-«Ин марди барнои тез
Ҳаме бо тани хеш дорад ситез.

Гар ӯ бо Таҳамтан набард оварад,
Сари хештан зери гард оварад.

1. Л –Ки бо.
2. И –тоза.
3. М –тоза.

www.sattor.com

Ҳаме дар гумон афтад аз[1] номи хеш,
Набинад ҳаме кому фарҷоми хеш.[2]

Бувад з-ин сухан низ бар шоҳ нанг,
Шикаста шавад дил сипаҳро ба ҷанг.

Бародар ту донӣ, ки кеҳтар бувад,
Фузунтар бар ӯ меҳри меҳтар[3] бувад».

Ба Пирон чунин гуфт пас Пилсам,
К-«Аз ин паҳлавон дил надорам[4] дижам.[5]

Агар ман кунам ҷанг, ҷанги наҳанг,
Наёрам ба бахти ту бар шоҳ нанг.

Ба пеши ту бо номвар чор гурд,
Ба пархош дидӣ зи ман дастбурд.

Ҳамоно кунун зӯрам афзунтар аст,
Шикастан дили ман на андарх(в)ар аст.

Барояд ба дасти ман ин коркард,
Ба гирди дари ахтари бад магард».

Чу бишнид аз ӯ ин сухан шаҳрёр,
Яке аспи шоистаи корзор

Бад-ӯ дод бо теғу гурзи гарон
Ҳамон ҷавшану тарку баргустувон.

---

1. Л –оварад.
2. ТПЗИ – Касе сӯи дӯзах напӯяд ба пой,
Дигар хира сӯи дами аждаҳой.
3. ИЛ –беҳтар.
4. Л –надорӣ.
5. И –ба ғам.

www.sattor.com

Биёрост он чангро[1*2] Пилсам,
Ҳаме ронд чун шер бо[3] боду дам.[4]

Ба эрониён гуфт: «Рустам кучост,
Ки гӯянд, к-ӯ[5] рӯзи чанг аждаҳост?

Бигӯед, то пешам ояд ба чанг,
Ки бар чанги ӯ кардаам тез чанг».[6]

Чу бишнид Гев ин сухан, бардамид,
Бизад дасту теғ аз миён баркашид.

Бад-ӯ гуфт: «Рустам ба як турк чанг
Ҳамоно насозад, ки ояд-ш нанг».

Баровехтанд он ду чангӣ ба ҳам
Дамон Геви Гударз бо Пилсам.

Яке найза зад Гевро, к-аз ниҳеб
Бурун омадаш ҳар ду пош[7] аз рикеб.

Фаромарз чун дид, ёр омадаш,
Ҳамон ёри чангӣ ба кор омадаш.

Бизад теғ бар найзаи Пилсам,
Аз он теғ шуд найзаи ӯ қалам.

1. И –чанг чун.
2. М –мар.
3. Л –пур.
4. ТП – Сипар бар сари китфу найза ба даст,
Ғиревону чӯшон чу пилони маст.
Даромад ба майдон ба кирдори гард,
Чу раъди хурӯшон яке вайла кард.
5. Л –дар.
6. ИЛ –б. 272 нест.
7. Л –пой; И –по.

www.sattor.com

Дигарбора зад бар сари тарки ӯй,
Шикаста[1] шуд он теғи пархошҷӯй.

Ҳаме гашт бо ҳар ду ял Пилсам,
Ба майдон ба кирдори шери дижам.

Чу Рустам зи қалби сипаҳ бингарид,[2]
Ду гурди далери гаронмоя дид,

Баровехта бо яке шермард,
Ба абр андароварда аз бод гард.

Ба дил гуфт Рустам, ки ҷуз Пилсам
Зи туркон надорад касе боду[3] дам.[4]

Ва дигар, ки аз пирсар мӯбадон,
Зи ахтаршиносону аз бихрадон,

Зи ахтар баду нек*[5] бишнида буд,
Ҷаҳонро чапу рост паймуда буд,

Ки гар Пилсам аз бади рӯзгор
Гузар ёбаду бинад омӯзгор,

Набарда чун ӯ дар ҷаҳон сар ба сар,
Ба Эрону Турон набандад камар.

Ҳамоно, ки ӯро замон омадаст.
Ки эдар ба ҷангам дамон омадаст.

Ба лашкар чунин гуфт, к-«Аз ҷои хеш
Маёзед худ пештар пои хеш.

1. Л –Гусиста.
2. Л –б. 280 нест.
3. Л –зӯру.
4. И –б. 279 -283 нест.
5. Баду неки он марз.

www.sattor.com

Шавам, баргироям тани Пилсам,
Бубинам чӣ дорад паю зӯру дам».

Яке найзаи боркаш баргирифт,
Бияфшурд рон, тарк бар сар гирифт.

Гарон шуд рикебу сабук шуд инон,
Ба чашм андаровард рахшон синон.

Ҳаме гашт*[1] бар лаб баровარда каф,
Ҳаме тохт аз қалб то пеши саф.

Чунин гуфт, к-«Эй номвар Пилсам,
Маро хостӣ, то бисӯзӣ ба дам.[2]

Бубинӣ кунун захми ҷангинаҳанг,
К-аз он пас напечӣ инон сӯи ҷанг.[3]

Бисӯзад дилам бар ҷавонии ту,
Дареғо бари паҳлавонии ту».[4]

Бигуфту барангехт аз ҷо наванд,
Даромад ба кин чун сипеҳри баланд.

---

1. М –Ғамӣ гашту.
2. ТПЗИ – Кунун омадам, то бубинӣ маро,
Зи гарданкашон баргузинӣ маро.
3. ТПЗИ – Баровехтанд он ду ҷангӣ ба ҳам,
Ҳамон паҳлавону дигар Пилсам.
Фаровон бигаштанд дар корзор,
Ҳамон теғ бо гурз шуд пора пор.
Зи гашти далерон бар он дашти ҷанг
Чу шаб гашт овардгаҳ тору танг.
Чунин гуфт Рустам зи туркон савор
Надидам бад-ин печиши корзор.
Сазад, к-аждаҳо бошаду ё паланг,
К-аз ин сон ба пешам бисозад диранг.
4. Л –б. 295 нест.

www.sattor.com

Яке найза зад бар камаргоҳи ӯй,
Зи зин бадгирифташ ба кирдори гӯй.

Ҳаме тохт то қалби туронсипоҳ,
Бияндохташ хор дар қалбгоҳ.

Чунин гуфт к-«Инро ба дебои зард
Бипӯшед, к-аз гард шуд лоҷвард».

Инонро бупечид аз он размгоҳ,
Биёмад дамон то ба қалби сипоҳ.

Биборид Пирон зи мижгон сиришк,
Тани Пилсам даргузашт аз пизишк.

Дили лашкари шоҳи туронсипоҳ
Шикаста шуду тира шуд размгоҳ.

Хурӯш омад аз лашкари ҳар ду рӯй,
Деҳудори гурдони пархошҷӯй.

Хурӯшидани кӯс бар пушти пил
Зи ҳар сӯ ҳаме рафт то чанд мил.

Замин шуд зи наъли сутурон сутӯҳ,
Ҳаме кӯҳ дарё шудӣ, дашт кӯҳ.

Ҳама санг марҷон шуду хок[1] хун,
Басе сарваронро сар омад нагун.[2]

Ту гуфтӣ ҳаме хун биборад сипеҳр,
Падарро набуд бар писар ҷои меҳр.

1. И –дашт.
2. ТПЗИЛ – Бигаштанд чандон зи ҳар ду гурӯҳ,
Ки шуд хок дарёву ҳомун чу кӯҳ.

www.sattor.com

Яке бод бархост аз размгоҳ,
Ҳаворо бипӯшид гарди сиёҳ.

Ду лашкар ба ҳомун ҳаме тохтанд.
Яке аз дигар бознашнохтанд.

Ҷаҳон чун шаби тира торик шуд,
Ҳамоно ба шаб рӯз наздик шуд.

ГУРЕХТАНИ АФРОСИЁБ АЗ РУСТАМ

Чунин гуфт бо лашкар Афросиёб,
Ки «Бедор бахт андаромад ба хоб.

Агар сустӣ оред як тан ба ҷанг,
Намонад маро ҷойгоҳи диранг.

Як имрӯз рои паланг оваред,
Зи ҳар сӯ бароеду ҷанг оваред.[1]

Парешон[2] зи ҳар сӯ камин оваред,[3]
Ба найза хур андар замин оваред».

Биёмад худ аз қалби туронсипоҳ,
Бари Тус шуд доғдил, кинахоҳ.

Аз Эрон фаровон саронро бикушт,
Ғамӣ шуд дили Тусу бинмуд пушт.

Бари Рустам омад яке чораҷӯй,[4]
Ки имрӯз аз ин кор шуд рангу бӯй.

1. Л –биронеду ҷанг оваред; И –б. 315 нест.
2. Л –бар эшон; И –Бад-эшон.
3. И – Як имрӯз парҳошу кин оваред.
4. ИЛМ –роҳҷӯй.

www.sattor.com

Ҳама маймана шуд чу дарёи хун
Дурафши саворони Эрон нагун.

Биёмад зи қалби сипаҳ пилтан,
Паси ӯ Фаромарз бо анҷуман.

Сипардори бисёр дар пеш буд,
Ки дилшон зи Рустам бадандеш буд.

Ҳама хешу пайванди Афросиёб,
Ҳама дил пур аз кину сар пуршитоб.

Аз эшон фаровон Таҳамтан бикушт,
Фаромарзу Тус андаромад ба пушт.

Чу Афросиёб он дурафши бунафш
Нигаҳ кард бо ковиёнӣ дурафш,

Бидонист, к-он пилтан Рустам аст,
Сарафроз в-аз тухмаи Найрам аст.

Барошуфт бар сони ҷангӣ паланг,
Бияфшурд рон, пеши ӯ шуд ба ҷанг.

Чу Рустам дурафши сияҳро бидид,
Ба кирдори шери жиён бардамид.

Ба ҷӯш омад он номбардор гурд,
Инонро ба Рахши таковар супурд.

Баровехт бо саркаш Афросиёб,
Зи пайкон-ш хун рафт чун ҷӯи об.

Ҳаданге, ки солори туронсипоҳ
Бизад бар бари Рустами кинахоҳ,

www.sattor.com

Синон андаромад ба чарми камар,
Ба бабри баён-бар набуд коргар.

Таҳамтан ба кин андаровард рӯй,
Яке найза зад бар бари аспи ӯй.

Таковар зи дард андаромад[1] ба сар,
Бияфтод аз ӯ шоҳи пархошх(в)ар.

Ҳаме ҷуст Рустам камаргоҳи ӯй,
Ки аз ранҷ кӯтаҳ кунад роҳи ӯй.

Нигаҳ кард Ҳуммон, бидид аз карон,
Ба гардан баровард гурзи гарон.

Бизад бар сари шонаи пилтан,
Хурӯшанда гашт аз ду рӯ анҷуман.[2]

Битобид рух паҳлавони сипоҳ,
Зи пас кард Рустам ҳамон гаҳ нигоҳ.

Сипаҳдори Турон зи чангаш биҷаст,[3]
Яке бораи тезтаг[4] барнишаст.

Ба сад ҳила аз чанги он аждаҳо
Варо кард Ҳуммони Виса раҳо.[5]

Барошуфт гурдафкани тоҷбахш,
Зи*[6] дунболи Ҳуммон барангехт Рахш.

---

1. И –дардаш биёмад.
2. Л –Зи лашкар хурӯш омаду анҷуман.
3. ИЛ –бишуд зардаст.
4. ИЛ – гомзан.
5. ТПЗМ – Чу шуд раста, аз ҷанг баргошт рӯй,
Таҳамтан ҳаме буд пархошҷӯй.
6. М –Ба.

www.sattor.com

Битозид чандеву чанде шитофт,
Замона будаш*[1] монда, ӯро наёфт.[2]

Ба абр андаромад хурӯши сарон,
Гироидани гурзҳои гарон.

Даромад аз эронсипаҳ пеши ӯй,
Бад-он то наёяд газанде бар ӯй.[3]

Зи Рустам бипурсид пурмоя Тус,
Ки «Чун ёфт пил аз таки гур кӯс?»

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Гурзи гарон
Чу борад зи бозуи кундоварон,

Намонад дили сангу сандон дуруст,
Бару ёли кӯбанда бояд нахуст.

Амуде, ки кӯбанда Ҳуммон бувад,
Ту оҳан махонаш, ки мум он бувад.»

Чу аз ҷанги Рустам бупечид рӯй,
Гурезон ҳаме рафт пархошҷӯй.

Саросар сипаҳ наъра бардоштанд,
Синонҳо бар-абр андар афроштанд.

Замин*[4] сар ба сар куштаву хаста шуд,
Ва ё лолаву заъфарон руста шуд.

Сипарданд аспон ҳама хун ба наъл,
Ҳаме пои пилон зи хун гашта лаъл.

1. М –Чу шуд зиндагӣ.
2. Л –б. 242, 243 нест.
3. Л –Таҳамтан ҳаме буд пархошҷӯй.
4. –Сипаҳ.

www.sattor.com

Ҳазимат гирифтанд туркон чу бод,
Ки Рустам зи бозу ҳаме дод дод.[1]

Се фарсанг чун аждаҳои дамон
Ҳаме шуд Таҳамтан паси бадгумон.

В-аз он ҷойгаҳ пилтан бозгашт,
Ту гуфтӣ варо чарх дамсоз*[2] гашт.

Ба лашкаргаҳи хеш гаштанд боз,
Сипаҳ яксар аз хоста бениёз.

Ҳама дашт пуроҳану симу зар,
Синону ситому силеҳу камар.

ФИРИСТОДАНИ АФРОСИЁБ КАЙХУСРАВРО БА ХУТАН

Чу хуршед бар зад сар аз кӯҳсор,
Бигустурд ёқут бар пушти қор.

Хурӯш омаду нолаи каррной,
Таҳамтан барангехт лашкар зи ҷой.

Ниҳоданд сар сӯи Афросиёб,
Ҳама рух зи хуни Сиёвуш пуроб.

Чу бишнид, к-омад паси ӯ сипоҳ,
Таҳамтан ба пеш-андарун кинахоҳ.

Биёвард лашкар ба дарёи Чин,
Бар ӯ танг шуд паҳн рӯи замин.

Бад-он гаҳ куҷо хост бугзошт об,
Ба Пирон Чунин гуфт Афросиёб.

1. ИЛ –б. 254 нест.
2. М –Чу бо душманаш чарх бад соз.

www.sattor.com

Ки «Дар кори ин кӯдаки шумтан
Ҳушивор бо ман яке рой зан,

Ки гар Рустам ӯро ба чанг оварад,
Мар ӯро сӯи*[1] шаҳри Эрон барад.

Аз ин девзода яке шоҳи нав
Нишонанд бо тоҷ бар гоҳи нав.

Мар ӯро биёвар бар ин рӯи об,
Дарафкан в-аз ин рои ман сар матоб».

Чунин гуфт Пирон ба Афросиёб,
Ки «Бар куштани ӯ набояд шитоб.

Ман ӯро яке чора созам, ки шоҳ
Писандад аз ин бандаи некхоҳ.

Мар ӯро биёрем бо хештан,
Барему нишонемаш андар Хутан.

Набояд, ки якбора аз бад куниш
Бувад шоҳро ҷовидон сарзаниш».

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй худованди рой,
Маро бар накӯӣ туӣ раҳнамой.

Ба зудӣ бар ин кор кардан басеч,
Набояд диранг андар ин кор ҳеч».

Пас он гоҳ Пирон фиристодае,
Яке донишимарди озодае

Фиристод, то оварад шоҳро,
Фиристода бубрид он роҳро.

1. М –бари.

www.sattor.com

Ҳаме рафт тозон ба кирдори дуд,
Чунон чун сипаҳбад-ш фармуда буд.

Биёмад, ба наздики хусрав расид,
Бад-он фарру авранг ӯро бидид.

Фаровон-ш бистуду бурдаш намоз,
Ҳаме буд[1] пешаш замони дароз.

Ҳамон[2] гаҳ бигуфт, он чи буд гуфтанӣ,
Ҳама дарпазируфт пазруфтанӣ.

Чу бишнид Хусрав саросар сухун,
На сар дид пайдо мар онро, на бун.

Биёмад давону ба модар бигуфт,
Саросар баровард роз аз нуҳуфт.

Ба модар чунин гуфт, к-«Афросиёб
Фиристоду хонад маро назди об.[3]

Чӣ созему инро чӣ дармон кунем?
Ба дониш магар чораи ҷон кунем».

Фаровон бигуфтанду андохтанд,
Мар он корро чора нашнохтанд.

Ҷуз аз рафтан он ҷо надиданд рӯй,
Ба ноком рафтанд пас пӯй-пӯй.

Ҳама роҳ ғамгину дида пуроб,
Забон пур зи нафрини Афросиёб.

---

1. И –Ҳаме гуфт.
2. И –Пасон.
3. И –Фиристод хоҳад маро назди боб.

www.sattor.com

Чунин то ба наздики Пирон расид,
Чу Пирони Виса мар ӯро бидид,

Фуруд омад аз тахту шуд пеш боз,
Бипурсидаш аз ранҷи роҳи дароз.

Фаровон-ш бистуду бинвохташ,
Ба наздики худ ҷойгаҳ сохташ.

Ҳар он ч-аш бубоист аз х(в)арданӣ,
Зи пӯшиданиву зи густарданӣ,

Зи хиргоҳу аз хаймаву борагӣ
Бисозид Пирон ба якборагӣ.

Чу ҳарчиш бибоист, шуд сохта,
В-аз он сохтан гашт[1] пардохта.

Биёмад, бигуфташ ба Афросиёб,
Ки «Эй шоҳи бодонишу фарру об,

Ман ин кӯдаки хурд бо фарраҳӣ
Биёвардам, акнун чӣ фармон диҳӣ?

Чунин гуфт пас шоҳи Туронзамин
Ба Пирон, к-«Аз он рӯи дарёи Чин

Фиристод бояд-ш, то саркашон
Наёбанд аз ӯ ҳеч гуна нишон.

Фиристод Пирон мар ӯро чу дуд,
Бар он сӯ, куҷо шоҳ фармуда буд».

1. Л –сохта шоҳ пардохта; И –шоҳ пардохта.

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ РУСТАМ ДАР ТУРОНЗАМИН ҲАФТ СОЛ БУД

Сипаҳбад гави пилтан бо сипоҳ
Сӯи Чину Мочин даромад зи роҳ.[1]

Ҳама марзи Чин бо Хитову Хутан
Гирифташ ба бозуи шамшерзан.[2]*[3]

Таҳамтан нишаст аз бари тахти ӯй,*[4]
Ба хок андаромад сари бахти ӯй.*[5]

Яке достон зад гав андар[6] нахуст,
Ки пурмоя он кас, ки душман бичуст.

Чу бадхоҳ пеш оядат, кушта беҳ,
Гар[7] овора, аз ҷанг баргашта беҳ.

Зи айвон ҳама ганҷи ӯ бозҷуст,
Бигуфтанд бо вай якояк дуруст.

Ғуломону аспу парастандагон,
Ҳамон номвар хубрух бандагон.

Дари ганҷи динору пурмоя тоҷ,
Ҳамон ҷомаву[8] дебаву тахти оҷ

1. ТПЗМ – Биёмад Таҳамтан ба Туронзамин
Хиромид то пеши дарёи Чин.
Ҳама шаҳри Турон, сарону гавон
Бирафтанд назди ҷаҳонпаҳлавон.
Жул Мул – танҳо ба як мавҷуд аст.
2. ИЛ –б. 398 -400 нест.
3. М –б. 399 -400 нест.
4. М –тахту гоҳ.
5. М –шоҳ.
6. ИЛ –бар ин бар.
7. Л –Ки.
8. И –Ҳама ҷомаи.

www.sattor.com

Якояк зи ҳар сӯ ба чанг омадаш,
Басе гавҳар аз ганҷи Ганг омадаш.

Сипаҳ сар ба сар з-он[1] тавонгар шуданд,
Чу бо ёраву тавқу афсар шуданд.

Яке Тусро дод он тахти оҷ,
Ҳамон ёраву тавқу маншури Чоҷ.

Бад-ӯ гуфт: «Он[2] кас, ки тоб оварад,
Дигар ёди[3] Афросиёб оварад,

Ҳамон гаҳ сарашро зи тан дур кун,
В-аз он*[4] каргасонро яке сур кун.

Касе, к-ӯ хирад ҷӯяду эманӣ,
Натозад[5] сӯи кеши оҳарманӣ.

Чу фарзанд бояд, ки дорӣ ба ноз,
Зи ранҷ эмин, аз хоста бениёз.

Ту беранҷро ранҷ манмой хеҷ,
Ҳама мардиву дод додан басеҷ,[6]

Ки гетӣ сипанҷ асту ҷовид нест,
Фаре бартар аз фарри Ҷамшед нест.

Сипеҳри баландаш ба пой оварид,
Ҷаҳонро ҷуз ӯ кадхудой оварид».

1. Л –з-ӯ.
2. ИЛМ –Ҳар.
3. Л –В-агар расми; И –Ва ё расми.
4. М – ӯ.
5. Л –Наёяд.
6. ИЛ –Сар аз дод в-аз растагорӣ мапеч.

www.sattor.com

Яке тоҷи пургавҳари шоҳвор,
Яке тахт бо тавқу бо гӯшвор,

Сапеҷобу Суғдӣ ба Гударз дод,
Басе панду маншури он марз дод.

Ситудаш фаровону кард офарин
Бар он пурҳунар паҳлави[1] покдин.[2]

Бад-ӯ гуфт: «Меҳри бузургиву дод,
Ҳамон базму разм аз ту дорем[3] ёд.

Ҳунар беҳтар аз гавҳари номдор,
Ҳунармандро гавҳар ояд ба кор.

Туро бо ҳунар гавҳар асту хирад,
Равонат ҳаме аз ту ромиш барад.

Раво бошад, ар панди ман бишнавӣ,
Ки омӯзгори бузургон туви.

Сапеҷоб то марзи Гулзарриюн
Зи фармони ту кас наёяд бурун».

Фарибурзи Ковусро тоҷи зар
Фиристод динору чанде гуҳар.

Бад-ӯ гуфт: «Солору меҳтар туӣ,
Сиёвахшро худ[4] бародар туӣ.

Миёнро ба кини бародар бубанд,
Зи фитрок макшой ҳаргиз каманд.

1. Л –паҳлавон.
2. И –б. 419 нест.
3. ИЛ – доранд.
4. Л –Сиёвушро худ; И –Сиёвахши радро.

www.sattor.com

Маёсой бар кин аз[1] Афросиёб,
Зи дил дур кун хӯрду орому хоб.

Ҳама дод кун ту ба гетӣ-дарун,
Ки аз дод ҳаргиз нашуд кас нагун».[2]

Ба Мочину Чин омад ин огаҳӣ,
Ки биншаст Рустам ба шоҳаншаҳӣ.

Ҳама ҳадяҳо сохтанду нисор,
Зи динор в-аз гавҳари шоҳвор.

Бигуфтанд, "Мо бандаву чокарем,
Замин ҷуз ба фармони ту наспарем".

Сипаҳбад ба ҷон дод зинҳорашон,
Бидид*[3] он равонҳои бедорашон.

Ҳаме кард нахчир бо юзу боз,
Баромад бар ин рӯзгори дароз.

РАФТАНИ ЗАВОРА БА ШИКОРГОҲИ СИЁВУШ

Чунон буд, ки рӯзе Завора бирафт,
Ба нахчири гӯрон хиромид[4] тафт.

Яке турк, то бошадаш раҳнамой,
Ба пеш андарафканду омад ба ҷой.

Яке беша дид андар он паҳндашт,
Ки гуфтӣ бар ӯ-бар нашояд гузашт.

---

1. ИЛ –кини.
2. И –сарнагун:
   ТПЗ – Дигар Гевро дод шаҳри Хутан,
   Хитову Чигил-Ашкаши теғзан.
3. М –Чу дид.
4. И –нахчиргаҳ он хирадманд.

www.sattor.com

Зи бас рангу бӯю зи[1] оби равон
Ту гуфтӣ, к-аз ӯ тоза гардад[2] равон.

Пас он турки хира забон баркушод,
Ба пеши Завора сухан кард ёд,

Ки нахчиргоҳи Сиёвуш буд ин,
Бад-ин буд меҳраш ба Туронзамин.

Бад-ин ҷойгаҳ шоду хуррам будӣ,
Ҷуз эдар дигар ҷой[3] бо ғам будӣ.[4]

Завора чу бишнид з-ӯ ин сухан,[5]
Бар ӯ тоза шуд рӯзгори куҳан.

Чу гуфтори он туркаш омад ба гӯш,
Фуруд омад аз аспу з-ӯ рафт ҳуш.

Яке боз будаш ба даст-андарун,
Раҳо карду мижгон шудаш пур зи хун.

Расиданд ёрону лашкар бар ӯй,
Ғамӣ ёфтандаш, пур аз об рӯй.

Гирифтанд нафрин бар он раҳнамой,
Ба захмаш фиканданд ҳар як зи пой.

Завора яке сахт савганд х(в)ард,
Фурӯ рехт аз дидагон оби зард,[6]

---

1. Л –пур.
2. ЛМ –К-аз ӯ тӯша овард гӯӣ И –К-аз ӯ тӯша овард гуфтӣ.
3. ИЛ –Ҳама рӯз.
4. И –пас аз б. 441 ин б. омада:
   Завора чу бишнид, аз ӯ рафт ҳуш,
   Чу гуфтори он туркаш омад ба гӯш.
5. И –Ба ҷӯш омадаш мағзи сар з-он сухан.
6. Л – об аз ду дида зи дард.

www.sattor.com

К-аз ин пас на нахчир ҷӯям, на хоб
Напардозам аз кини Афросиёб.

Намонам, ки Рустам баросояд эч,
Ҳама*[1] ҷангро кард бояд басеч.

Ҳамон гаҳ[2] ки*[3] назди Таҳамтан расид,
Хурӯшид, чун рӯи ӯро бидид.

Бад-ӯ гуфт: «Эдар ба кин омадем
Ва ё лаб пур аз офарин омадем?

Чу Яздони некидиҳиш зӯр дод,
Зи ахтар туро гардиши хур дод,[4]

Чаро бояд ин[5] кишвар обод монд,
Якеро бар ин буму бар шод монд?

Фаромуш макун кини он шаҳрёр,
Ки чун ӯ набинӣ ба сад[6] рӯзгор».

---

1. М – Ҳаме.
2. И – Ҳамоно.
3. М – гаҳ.
4. И – пас аз б. 452 ин б. омада:
   Чаро бояд ин кишвар обод кард,
   Зи сар баргирифтан кулоҳи набард.
5. И – Набояд ҳамин.
6. И – Набинад дигар.

www.sattor.com

ВАЙРОН КАРДАНИ РУСТАМ ТУРОНЗАМИНРО

Барангехт дилорамида[1] зи ҷой,
Таҳамтан ҳамон кард, к-ӯ дид рой.

Ҳама ғорату куштан*[2] андаргирифт,
Ҳама*[3] буму бар даст бар сар гирифт.

Зи Туронзамин то ба Суқлобу Рум
Надиданд як марзи ободбум.

Ҳама сар буриданд барнову пир,
Зану кӯдаки хурд карданд асир.

Баромад зи кишвар саросар димор
Бар ин гуна фарсанг беш аз ҳазор.

Ҳар он ҷо,*[4] ки буд меҳтаре богуҳар
Ҳама пеш рафтанд бар хок сар,

Ки безор гаштем з-Афросиёб,
Нахоҳем дидори ӯро ба хоб.

Аз он хун, ки ӯ рехт бар бегуноҳ,
Касеро набуд андар он рою роҳ.

Кунун анҷуман гар парокандаем,
Ҳама пеши ту як ба як бандаем.

Чу чира[5] шудӣ, бегунаҳ хун марез,
Макун бо ҷаҳондор Яздон ситез.[6]

1. Л – Аз ин кин дилро.
2. М – Ҳамон куштану ғорат.
3. М – Аз ӯ.
4. М – Ҳар он кас.
5. ИЛ – хира.
6. ИЛМ – Макун ҷанги гардуни гарданда тез.

www.sattor.com

Надонад касе к-он сипаҳбад куҷост?
Дуруст аст,[1] ё дар дами аждаҳост?

Чу бишнид гуфтори он анҷуман,
Бупечид бино дили[2] пилтан.

Саронро зи лашкар саросар бихонд,
Сипаҳ сӯи Қочорбошӣ[3]*[4] биронд.

Шуданд анҷуман пеши ӯ бихрадон,
Бузургони[5] корозмуда радон,

Ки Ковуси бефарру бепарру пой,
Нишастаст бар тахт бераҳнамой.

Гар Афросиёб аз раҳе бедиранг
Ба Эрон яке лашкар орад ба ҷанг,

Биёбад бар он пир Ковус даст,
Шавад кому ороми мо пок паст.

Якояк ҳама ному[6] кин тӯхтем,
Ҳама шаҳри[7] ободи ӯ сӯхтем.

Кунун назди он пирхусрав шавем,
Чу базм[8] оядаш, ҳар яке[9] нав шавем.

Куҷо солиён андаромад ба шаш,
Ки нагзашт бар мо яке рӯзи х(в)аш.

1. Л – Бар асб аст.
2. ЛМ – бедордил.
3. ИЛ – Марзи Қаҷқорбошӣ.
4. М – Суи марзи Кочорбошӣ.
5. ИЛ – Бузургону.
6. Л – доми.
7. Л – буми.
8. ЛМ – разм.
9. ИЛ – касе.

www.sattor.com

Ба Эрон парастандаву тахтгоҳ,
Ҳам он ҷо нигину ҳам он ҷо кулоҳ.

Чунин чира гаштем бар хоста,
Дил*[1] ороста шуд, равон коста.

Чу дил барниҳӣ бар сарои куҳан,
Кунад нозу[2] бар ту бипӯшад сухан.

Гарат дил на бо рои[3] оҳарман аст,
Сӯи оз мангар, ки ӯ душман аст.[4]

Бипӯшу бипошу бинӯшу би(х)вар,[5]
Туро баҳра ин аст аз ин раҳгузар.

Таҳамтан бад-ин гашт ҳамдостон,
Ки фархунда мӯбад бизад достон.

Чунин гуфт хуррамдили раҳнамой,
Ки хушшӣ гузин з-ин сипанҷӣ сарой.

Нигаҳ кун, ки дар хок ҷуфти ту кист,
Бар ин хоста чанд хоҳӣ гирист?!

1. Л – розу.
2. М – тан.
3. Л – ёрон.
4. И – б. 477 – 478 нест.
5. Л – Бибӯю бинозу биҷӯшу бих(в)ар.

www.sattor.com

БОЗРАФТАНИ РУСТАМ БА ЭРОНЗАМИН

Таҳамтан чу бишнид, шарм омадаш,
Ба рафтан яке рои гарм омадаш.

Биёвард аспон зи ҳар сӯ гала,
Ки буданд бар дашти Турон яла.

Ғуломи парастандагон даҳ ҳазор
Биёвард шоистаи шаҳрёр.

Ҳамон нофаи мушку мӯи самур,
Зи санҷобу қоқум, зи кимолу бур.

Ба мӯю*[1] ба бӯю ба динору*[2] зар
Шуд ороста пушти пилони нар.

Зи густурданиҳову аз бешу кам,
Зи пӯшиданиҳову ганҷу*[3] дирам,

Зи теғу[4] силеҳу зи тоҷу зи тахт
Ба Эрон кашиданду барбаст рахт.

Зи Турон сӯи Зобулистон шуданд,
Ба наздики фархунда Дастон шуданд.

Сӯи Порс шуд Тусу Гударзу Гев,
Чунон*[5] лашкаре номбардори нев.

Ниҳоданд сар сӯи шоҳи ҷаҳон,
Чунон[6] номдорону фаррухмеҳмон.

1. М – рангу.
2. М – дебои.
3. М – зарру.
4. ИЛ – ганҷу.
5. М – Або.
6. ИЛ – Чунин.

www.sattor.com

Чу бишнид бадгавҳар Афросиёб,
Ки шуд Тусу Рустам бар он рӯи об,

Шуд аз Бохтар сӯи дарёи Ганг,
Диле пур зи кина, саре пур зи ҷанг.

Ҳама бум зеру забаркарда дид,
Меҳон куштаву кеҳтарон барда[1] дид.

На аспу на ганҷу на тоҷу на тахт,
На шодоб бар шох[2] барги дарахт.

Ҷаҳоне зи[3] оташ барафрӯхта,
Ҳама коххо кандаву сӯхта.

Зи дида биборид хуноб[4] шоҳ,
Чунин гуфт бо меҳтарони сипоҳ,

Ки «Ҳар кас, ки ин бад фаромуш кунад,
Ҳаме ҷони бедор беҳуш кунад.

Ҳама як ба як[5] дил пур аз кин кунед,
Сипар бистару тарг[6] болин кунед.

Ба Эронзамин разму кин оварем,[7]
Ба ҷанг осмон бар замин оварем.[8]

Зи баҳри бару буму фарзанди хеш,
Ҳамон аз паи ганҷу пайванди хеш

---

1. Л – мурда.
2. ЛМ – айвон, на.
3. И – Ҷаҳон зери.
4. ИЛ – хуноба.
5. И – сар ба сар.
6. ИЛ – тарки.
7. ИЛ – оваред.
8. ИЛ – оваред.

www.sattor.com

Ҳама шаҳри Эрон ба пой оварем,
Бикӯшему ин кин ба ҷой оварем.[1]*[2]

Ба як разм агар боди эшон биҷаст,
Нашояд чунин кардан андеша паст.

Зи ҳар сӯ силоҳу сипоҳ оварем,
Ба наввӣ яке тоза роҳ оварем».

Ба зудӣ яке лашкаре гирд кард,
Ҳама бо синону силеҳу набард.[3]

Худу лашкараш сӯи Эрон кашид,
Ба кини далерону шерон кашид.[4]

Баророст аз ҳар сӯе тохтан,
Набуд ҳеч[5] ҳангоми пардохтан.

Ҳама[6] сӯхт обод буму[7] дарахт,
Бар эрониён - бар шуд ин кор сахт.

Зи борон ҳаво хушк шуд ҳафт[8] сол,
Дигаргуна шуд рангу[9] баргашт ҳол.

Шуд аз ранҷу тангӣ ҷаҳон пурниёз,
Баромад бар ин рӯзгори дароз.

---

1. Л – Ҳама коххошон ба пой оварем,
   Чу шерон сӯи ҷанг рой оварем.
2. М – Чу шерон сӯи ҷанг рой оварем.
3. ТПЗ – Чу кори сипоҳ ӯ ҳама соз кард,
   Дари ганҷи деринаро боз кард.
4. ИЛ –б. 506, 507 нест;
   ТПЗ – Ба аспу силеҳу ба мардони мард
   Ба кина аз Эрон баровард гард.
5. Л –Надид эч; И –он чи.
6. ЛМ –Ҳаме.
7. Л –шоҳу ҳаме зад; И –Ҳаме сӯхт ҷою ҳаме зад.
8. И –ҳашт.
9. ИЛ –бахту.

www.sattor.com

Нишаста ба Зобул яли пилтан,
Гирифта ҷаҳон турки шамшерзан.[1]

ДИДАНИ ГУДАРЗ КАЙХУСРАВРО БА ХОБ

Чунон дид Гударз як шаб ба хоб,
Ки абре баромад аз Эрон пуроб.

Бар он абри борон нишаста[2] Суруш,
Ба Гударз гуфтӣ, ки букшой гӯш.

Зи тангӣ чу хоҳӣ, ки гардӣ раҳо
Аз ин бадкуниш*[3] турки нараждаҳо[4]

Ба Турон яке шаҳрёри нав аст,
Куҷо номи ӯ шоҳ-Кайхусрав аст.

Зи пушти Сиёвуш яке шаҳрёр,
Ҳунарманд в-аз гавҳари номдор.

Сарафроз в-аз тухмаи Кайқубод,
Зи модар сӯи Тур дорад нажод.

Ба Эрон чу ояд паи фаррухаш,
Зи чарх он чи пурсад, диҳад посухаш.

Миёнро бубандад ба кини падар,
Кунад кишвари Тур зеру забар.

Ба дарёи қулзум ба ҷӯш орад об,
Нахорад сар аз кини Афросиёб.

1. ИЛ –б. 512 нест.
2. ЛМ –абри паррон хуҷаста.
3. М –В-аз ин номвар.
4. Л –б. 515 нест.

www.sattor.com

Ҳамасола дар ҷавшани кин бувад,
Шабу рӯз дар ҷанг бар зин бувад.

Зи гурдони Эрону гарданкашон,
Наёбад ҷуз аз[1] Гев кас з-ӯ[2] нишон

Чунин аст фарҷоми кори[3*4] сипеҳр,
Бад-ӯ довар[5] аз дод густурда меҳр.

Чу аз хоб Гударз бедор шуд,
Ситоишкунон[6] пеши додор шуд.

Бимолид бар хок риши сапед.[7]
Зи шоҳи ҷавон шуд дилаш пурумед.

Чу хуршед пайдо шуд аз пушти роғ,
Баромад ба кирдори равшан чароғ.[8]

Сипаҳбад нишаст аз бари тахти оҷ,
Биёрост айвон ба курсии соҷ.

Пурандеша дил, Гевро пеш хонд,
В-аз он хоб чанде суханҳо биронд.

Бад-ӯ гуфт: «Фаррух паю рӯзи ту,
Ҳамон ахтари гетиафрӯзи ту.

Ту то зодӣ аз модари б-офарин,[9]
Пур аз офарин шуд саросар замин.

1. ЛМ –ба ҷуз.
2. Л –з-ӯ кас.
3. ИЛ –гардон.
4. М –фармони.
5. ИЛ –дорад.
6. ИЛ –ниёишкунон.
7. Л –сафед.
8. ИЛ –зарринчароғ.
9. ЛМ –покдин.

www.sattor.com

Ба фармони Яздон хуҷаста Суруш
Маро рӯй бинмуд дар хоб дӯш.

Нишаста ба абре пур аз боду нам,
Бишустӣ ҷаҳонро саросар зи ғам».

Маро диду гуфт: «Ин ҳама ғам чарост,
Ҷаҳоне пур аз кину бенам[1] чарост?

Азеро ки бефарру бурз аст шоҳ,
Надорад ҳама[2] роҳи[3] шоҳон нигоҳ.

Чу Кайхусрав ояд зи Туронзамин,[4]
Сӯи душманон афканад ранҷу[5] кин.

Наёрад[6] кас ӯро зи гурдони нев
Ҷуз аз*[7] номвар пури Гударз-Гев.[8]

Чунин кард бахшиш сипеҳри баланд,
Ки аз ту кушояд ғаму ранҷу[9] банд.

Ҳаме ном ҷустӣ миёни ду саф,
Кунун номи ҷовидат омад ба каф,

Ки то дар ҷаҳон мардум асту сухан,
Чунон номи некӯ[10] нагардад куҳан.[111]

---

1. Л –кин абенам.
2. ИЛ –ҳаме.
3. И –рои.
4. ИЛ –Ба Эронзамин.
5. Л –разму.
6. ЛМ –Набинад.
7. М –Магар.
8. И –б. 537 нест.
9. И –Ба дасти ту хоҳад кушодан зи.
10. ЛМ –Чунин ном ҳаргиз.
11. И -539, 540 нест.

www.sattor.com

Ба ранҷ асту бо ранҷ ном асту ганҷ,
Ҳамоно, ки номат бароя зи ранҷ.

Агар ҷовидона намонӣ ба ҷой,
Ҳамон[1] ном беҳ з-ин сипанҷӣ сарой[2]

Ҷаҳонро яке шаҳрёр оварӣ,
Дарахти вафоро ба бор оварӣ».

Бад-ӯ гуфт Гев: «Эй падар, бандаам,
Бикӯшам ба рои ту[3] то зиндаам.

Харидорам инро, гар ояд ба ҷой
Ба фархунда номи ту, эй раҳнамой».

Ба айвон шуду сози рафтан гирифт,
Зи хоби падар монда андар шигифт.

Меҳини маҳон бонуи Гев буд,
Ки духти гузин Рустами нев буд.

Хабар шуд ҳамон гаҳ ба Бонугушасп,
Ки мар Гевро рафтан орост асп.

Биёмад хиромон ба назидики ӯй,
Чунин гуфт: «Эй меҳтари номҷӯй,

Шунидам, ки ту рафт хоҳӣ ба Тур,
Ки Хусрав биҷӯӣ зи наздику дур.

Чу дастур бошад, маро паҳлавон
Шавам назди Рустам ба рашванравон.

---

1. ЛМ –Туро.
2. ТПЗ – Ва дигар ҳамоно сипеҳри баланд,
Кушояд ба дасти ту аз танг банд.
3. Л –фармон-т.

www.sattor.com

Маро орзу чеҳраи Рустам аст,
Зи нодиданаш ҷони ман пурғам аст.

Ту падруд бош, эй ҷаҳонпаҳлавон,
Ки бодӣ ҳамасола пушти гавон».

Ба фармони солорбону бирафт,
Сӯи Систон рӯй бинҳод тафт.[1]

РАФТАНИ ГЕВ БА ТУРОН БА ҶУСТАНИ КАЙХУСРАВ

Чу хуршеди рахшанда омад падид,
Замин шуд ба сони гули шанбалид.

Биёмад камарбаста Геви далер,
Яке боркаш бодпое ба зер.

Бад-ӯ гуфт Гударз: «Ёри[2] ту чист,
Ба роҳ-андарун бо ту ҳамроҳ кист?»[3]

Ба Гурдарз гуфт: «Эй ҷаҳонпаҳлавон,
Далеру сарафрозу равшанравон,

Камандеву аспе маро ёр бас,
Нашояд кашидан бад-он марз кас.

Чу мардум барам, хостор оядам,
Аз он пас маро корзор оядам.

Каманде ба фитроку аспе давон,[4]
Парандовару ҷомаи ҳиндувон.

1. ИЛ –б. 547 -554 нест.
2. ТПЗ –коми.
3. И –б. 557 нест;
   Л –Ҳама дил пур аз кини Афросиёб,
   Ду рухро (?) пур аз хуну дил чун кабоб.
4. Л –Биёреду аспе равон.

www.sattor.com

Маро дашту кӯҳ аст якчанд ҷой,
Магар пешам ояд яке раҳнамой.

Нашояд, ки дар шаҳрҳо бугзарам,
Маро боздонанду кайфар барам.*[1]

Ба пирӯз бахти ҷаҳонпаҳлавон
Биёям барат[2] шоду равшанравон.

Ту мар Бежани хурдро дар канор
Бипарвар, нигаҳ дор аз рӯзгор.

Биёмӯзаш ороиши размро,
Нашояд магар разм ё базмро.

Бад-ин кӯдакӣ ман[3] аз ӯ дидаам,
Зи мардӣ, ки ӯро писандидаам.[4]

Ту падруд бошу маро ёд дор,
Равонро зи дарди ман озод дор.

Надонам, ки дидор бошад ҷуз ин,
Чӣ донем рози[5] ҷаҳонофарин.

Чу шӯӣ зи баҳри парастиш рухон,
Ба ман-бар ҷаҳонофаринро бихон.

Ки ӯяст бартар зи ҳар бартаре,
Ҳамон бандаи ӯст ҳар меҳтаре.

На бе рои ӯ гардад ин рӯзгард,
На бе амри ӯ бошад ин хобу х(в)ард.

---

1. М –боздонанд, кайфар х(в)аранд.
2. Л –Наёям ба ҷуз; И –Наёям ҷуз аз.
3. ИЛМ – он.
4. ИЛ – аз кас набишнидаам.
5. ЛМ – Кӣ донад чунин ҷуз.

www.sattor.com

Замину замону макон офарид,
Тавоноеву нотавон офарид.

Бад-ӯяст уммед, аз ӯяст бок,
Худованди об, оташу боду хок.

Магар бошадам ёвару раҳнамой,
Ба наздики он номвар кадхудой».[1]

Падар пирсар буду барно далер
Бубаста миёнро ба кирдори шер.[2]

Надонист, к-аш боз бинад дигар,
Зи рафтан дилаш гашт зеру забар.

Фуруд омад аз бора Геви далер,
Бибӯсид дасти сарафроз шер.

Падар танг бигрифт андар бараш,
Фаровон бибӯсид рӯю сараш.

Ба Яздон бинолид Гударзи пир,
Ки «Эй додгар, мар маро даст гир!

Супурдам туро ҳушу ҷону равон,
Чунин номбардор пури ҷавон.

Магар кишвар ояд зи тангӣ раҳо,
Ба ман боз бахшаш ту, эй подшо.[3]

Басо ранҷҳо к-аз ҷаҳон дидаанд,
Зи бахри бузургӣ писандидаанд,

1. ТПЗ – Ба фармон биёросту омад бурун,
Падар дил пур аз дарду рух пур зи хун.
2. ИЛМ – Даҳан ҷангро боз карда чу.
3. ИЛ – 578 – 582 нест.

www.sattor.com

Саранҷом бистар ҷуз аз хок нест,
Аз ӯ баҳра заҳр асту тарёк нест.

Чу донӣ, ки эдар намонӣ дароз,
Ба торак чаро барниҳӣ тоҷи оз?

Ҳамон озро зери хок оварӣ,
Сараш бо сар андар мағок оварӣ.

Туро з-ин ҷаҳон шодмонӣ бас аст,
Куҷо[1] ранҷи ту баҳри дигар кас аст.

Ту ранҷиву осон[2] дигар кас х(в)арад,
Сӯи гӯру тобути ту нангарад.

Ба ӯ низ шодӣ сар ояд ҳаме,
Сараш зери гард андарояд ҳаме.[3]

Зи рӯзи гузар кардан андеша кун,
Парастидани додгар пеша кун.

Ба некӣ гироюу маёзор кас,
Раҳи растагорӣ ҳамин асту бас.[4]

Манеҳ ҳеч дил бар ҷаҳанда ҷаҳон,
Ки бо ту намонад ҳаме ҷовидон.

Агарчанд монӣ, бибояд шудан,
Паси он шудан нест бозомадан.

---

1. И – Ки ин.
2. Л – ранҷе барию.
3. ТПЗ – Бар ӯ низ шодӣ ҳаме бугзарад,
   Ҳамон марг зери пояш биспарад.
   Ҳамон низ шодӣ сар ояд ҳаме,
   Сараш зери гард андарояд ҳаме.
4. ИЛ – б. 591 нест.

www.sattor.com

Кунун, эй хирадманди бедордил,
Машав дар гумон,[1] пой баркаш зи гил.

Туро кирдгорест парвардгор,
Туӣ бандаи[2] кардаи кирдгор.

Чу гардан ба андеша зер оварӣ,
Зи ҳастӣ макун пурсишу доварӣ.

Нашояд хуру хобу бо ӯ нишаст,
Ки хасту набошад[3] ба Яздон, кӣ ҳаст?

Дилаш кӯр бошад, сараш бехирад,
Хирадмандаш аз мардумон нашмарад.

Зи ҳастӣ нишон аст бар обу хок,
Зи дониш макун хештан дар мағок.

Тавонову донову доранда ӯст,
Хирадрову ҷонро нигоранда ӯст[4]».

Чу солори Турон ба дил гуфт: «Ман
Ба бешӣ барорам сар аз анҷуман.

Чунон шоҳзода ҷавонро бикушт,
Ба пеш омадаш рӯзгори дурушт.

Ҳам аз пушти ӯ довари кирдгор
Дарахти нав овард*[5] ёзон ба бор.

1. И – бадгумон.
2. Л – бандаву; И – бегумон.
3. Л – Ки хушнуд бояд.
4. ТП – Ҷаҳон офариду макону замон
Паи пашшаи хурду пили жаён.
5. М – баровард.

www.sattor.com

Ки бо ӯ бикард, он чи боист кард,
Баровард аз мағзи айвон-ш гард.[1]

Худованди кайвону хуршеду моҳ,
К-аз ӯяст пирӯзиву дастгоҳ,

Худованди ҳастиву ҳам ростӣ
Аз ӯяст бешиву ҳам[2] костӣ[3],

Ҷуз аз рою фармони ӯ роҳ нест,
Хуру моҳ аз ин дониш огоҳ нест».

Ба фармони ӯ Гев баста миён,
Биёмад ба кирдори шери жиён.

Ба танҳо ҳаме рафту касро набурд,
Тани ноздида ба Яздон супурд.[4]

Ҳаме тохт, то марзи[5] Турон расид,
Ҳар он кас, ки дар роҳ танҳо бидид,

Забонро ба туркӣ биёростӣ,
Зи Кайхусрав аз вай нишон[6] хостӣ.

Чи гуфтӣ "Надорам зи шоҳ огаҳӣ,"
Танашро зи ҷон зуд кардӣ тиҳӣ.

---

1. Л – Ки бо ӯ бигуфт, он чи ҷуз ту кас аст,
Ки андар ҷаҳон кирдгор ӯ бас аст.
2. Л – Нахоҳад зи ту кажживу.
3. ТПЗИ – Худованди бахшандаву корсоз,
Худованди рӯзидиҳу бениёз.
Худованди гетӣ, худованди меҳр,
Худованди ноҳиду гардонсипеҳр.
4. Л – б. 609 нест.
5. ИЛ – шаҳри.
6. ЛМ – Хусрав ба хубӣ хабар.

www.sattor.com

Ба*[1] хамми камандаш баровехтӣ.[2]
Зи дур[3] аз бараш хок баррехтӣ.

Бад-он то надонад касе рози ӯй,
Ҳамон[4] нашнавад ному овози ӯй.

Якеро ҳаме бурд бо хештан,
Куҷо раҳнамун[5] буд аз он анҷуман.

Ҳаме рафт бо ӯ ҳам эдун ба роҳ,
Бар ӯ роз накшод то чанд гоҳ.

Бад-ӯ гуфт: «Рӯзе, ки андар[6] ҷаҳон
Сухан пурсам аз ту яке дар[7] ниҳон,

Гар эдун, ки ёбам зи ту ростӣ,
Бишӯӣ ба дониш дил аз[8] костӣ,

Бубахшам ба ту, ҳар чӣ хоҳӣ зи ман,
Надорам дареғ аз ту ман ҷону[9] тан».

Чунин дод посух, ки «Дониш бас аст,
Валекин пароканда бо[10] ҳар кас аст.

В-агар з-он ки пурсим, ҳаст огаҳӣ,
Зи посух наёбӣ забонам тиҳӣ».

1. М – Зи.
2. ИЛ – биёвехтӣ.
3. Л – Сабук.
4. И – Ки з-ин.
5. И – Варо роҳбар.
6. Л – бар.
7. И – Як рӯз к-андар.
8. Л – зи дил кажживу.
9. ИЛ – пурмоя.
10. И – бар.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт: «Кайхусрав эдар куҷост,
Бибояд сухан[1] баркушодан-т рост?»

Чунин[2] дод посух, ки «Нашнидаам,
Худ ин[3] ном ҳаргиз напурсидаам».

Чу посух чунин гуфт он[4] раҳнамун,
Бизад теғу андохташ сарнагун.

ЁФТАН КАЙХУСРАВРО

Ҳаме рафт ҳар ҷой[5] чун беҳушон,
Магар ёбад аз шоҳзода[6] нишон.

Чунин то баромад бар ин ҳафт сол,
Миён суда аз теғу банди дувол.

Хуриш гӯру пӯшиш ҳама чарми гӯр,
Гиё хӯрд гоҳеву гоҳ оби шӯр.

Ҳаме гашт гирди биёбону кӯҳ,
Ба ранҷу ба сахтиву дур аз гурӯҳ.

Бад-он гаҳ ки Рустам бар ин рӯи об
Биёвард лашкар ҳам андар шитоб.

Сипаҳдори Турон ба Ганг омада,[7]
Дигарбора Турон ба ҷанг омада.[8]

---

1. Л – ба ман.
2. И – Бад-ӯ.
3. ИЛ – Чунин.
4. ИЛ – ёфт аз.
5. ИЛ – Ба Турон ҳамерафт.
6. ИЛ – шоҳ ҷое.
7. Л – омадаш.
8. Л – ҷанг омадаш.

www.sattor.com

Ба Пирон бифармуд пас шаҳрёр,
Ки Кайхусрави шумро эдар ор!

Зи Мочин биёвар, ба модар диҳаш,
Бар ӯ ҳар сӯе дор баста раҳаш!

Фиристод Пирон ҳам андар замон
Фиристодае бар ҳаюни чамон.

Биёвард пури Сиёвахшро,[1]
Ҷавони хирадманди ҷонбахшро.[2]

Супурдаш ба модар бад-он ҷойгоҳ,
Баромад бар ин низ якчанд гоҳ.

Чу Геви диловар ба Туронзамин
Бад-ин сон ҳаме гашт андӯҳгин,[3]

Чунон шуд, ки рӯзе пурандеша шуд,[4]
Ба наздикии номвар беша шуд.[5]

Бад-он марғзор андаромад дижам,
Ҷаҳон хурраму Гевро дил ба ғам.

Замин сабзу ҷӯе[6] пур аз об дид,
Ҳама[7]*[8] ҷои оромишу хоб дид.

1. Л – Сиёвушро.
2. Л – боҳушро.
3. И – б. 629 – 636 нест.
4. ИЛМ – буд.
5. ИЛМ – буд.
6. ИЛ – сабзаву ҷӯй.
7. ИЛ – Ҳамон.
8. М – Чунон.

www.sattor.com

Фуруд омаду аспро даргузошт,
Бихуфту ҳаме дил пурандеша дошт.[1]

Ҳаме гуфт: «Моно, ки деви палид
Бари паҳлавон буд, к-он[2] хоб дид.[3]

Зи Кайхусрав эдар наёбам[4] нишон,
Чӣ дорам ҳаме хештанро кашон.[5]

Кунун гар ба разманд ёрони ман,
Ба базм-андарун ғамгусорони ман,

Яке номҷӯю дигар шодрӯз,
Маро бахт бар гунбад афшонд кӯз.

Ҳаме барфишонам ба хира равон,[6]
Хамида равонам чу хамми камон.

Ҳамоно, ки Хусрав зи модар назод
В-агар зод, додаш замона ба бод.

Зи ҷустан маро ранҷу сахтист баҳр,
Анӯша касе, к-ӯ бимирад ба заҳр».

Дили[7]*[8] пур зи ғам гирди он марғзор
Ҳаме гашт, шаҳро шуда хостор.[9]

---

1. ТПЗ – Басе бо дили хеш андеша кард,
Ки ман дур мондам зи хобу зи х(в)ард.
2. И – омад ин.
3. ИЛ – пас аз б. 641 ин байт омада:
Дигар гуфт бо дил, ки аз чанд гоҳ
Шудастам бад-ин марз ҷӯёи шоҳ.*
* И – Шудам ман бад-он марг ҷӯёи роҳ.
4. ИЛ – набинам.
5. Л – ниҳон.
6. ИЛ – замон.
7. Л – Сараш.
8. М – саре.
9. Л – Ҳамегашт, то шаҳ кунад ғамгусор.

www.sattor.com

Яке чашмае дид рахшон[1] зи дур,
Яке сарвболо, дилором пур.

Яке ҷоми май баргирифта ба чанг,
Ба сар-бар зада дастаи бӯю ранг.[2]

Зи болои ӯ фарраи эзадӣ
Падид омаду рояти бихрадӣ.

Ту гуфтӣ Сиёвахш[3] бар тахти оҷ
Нишастасту бар сар зи пирӯза[4] тоҷ.[5]

Ҳаме бӯи меҳр ояд[6] аз рӯи ӯй,
Ҳаме зеби тоҷ ояд[7] аз мӯи ӯй.

Ба дил гуфт Гев ин ба ҷуз шоҳ нест.
Чунин чеҳра ҷуз дархури гоҳ нест.

Пиёда бад ӯ низ[8] бинҳод рӯй,
Чу танг андаромад ба наздики ӯй.[9]

Гиреҳ суст шуд бар дари ранҷи ӯй,
Падид омад он номвар ганҷи ӯй.

Чу аз чашма Кайхусрав ӯро бидид,
Бихандиду шодон дилаш бардамид.

Ба дил гуфт, к-ин гурд ҷуз Гев нест,
Бад-ин марз худ з-ин нишон нев нест.

1. ИЛ – тобон.
2. Л – ранг-ранг; И – гул ба ранг.
3. ИЛ – ки бо тавқ.
4. Л – сар-ш беҷода.
5. И – Нишаста ва бар сар зи беҷода тоҷ.
6. ИЛМ – омад.
7. ИЛМ – омад.
8. ИЛ –тез.
9. Л – дилаш шоҳҷӯй; И – дили шоҳҷӯй.

www.sattor.com

Маро кард хоҳад ҳаме хостор,
Ба Эрон барад, то кунад[1] шаҳрёр.

Чу танг андаромад гави номдор
Баромад зи ҷо Хусрави шаҳрёр.[2]

Варо гуфт: «Эй Гев, шод омадӣ,
Хирадро чу шоиста*[3] дод омадӣ.

Чӣ гуна сипардӣ бар ин марз роҳ,
Зи Тусу зи Гударзу Ковусшоҳ

Чӣ дорӣ хабар? Ҷумла ҳастанд шод?
Ҳаме дар дил аз Хусрав оранд ёд?

Ҷаҳонҷӯй Рустам гави пилтан,
Чи гуна-ст Дастону он анҷуман?»

Чу бишнид Гев ин сухан, хира монд,
Забонро ба номи ҷаҳонбон биронд.[4]

Бад-ӯ гуфт Гев «Эй сари[5] сарфароз,
Ҷаҳонро ба меҳри ту омад ниёз.

Бар онам,[6] ки пури Сиёвуш туӣ,
Зи тухми каёниву боҳуш туӣ.[7]

---

1. Л – бари.
2. Л – б. 660 нест.
3. М – Ки бо фарри Эзад ва.
4. ТП – Бад-ӯ гуфт донам, ки Кайхусравӣ
Ки андар чаҳон шаҳрёри навӣ,
Чунин гуфт, эй Гев, Хусрав манам,
Ҷаҳонро яке муждаи нав манам.
5. Л – шаҳи.
6. Л – Бидонам.
7. ТПЗЛИ – Чунин дод посух бад-ӯ* шаҳрёр,
Ки ту Геви Гударзӣ, эй номдор?
*ЛИ – варо

www.sattor.com

Маро ёд кун,[1] эй сари ростон,
Зи Гударз бо ту кӣ зад достон?

Зи Кашводу Геват кӣ дод огаҳӣ?
Ки бо хуррамӣ бодиву фарраҳӣ!»

Бад-ӯ гуфт Кайхусрав: «Эй шермард,
Маро модар ин аз падар ёд кард,

Ки аз фарри яздон кушодӣ сухун,
Бад-он гаҳ, ки андарзаш омад ба бун.

Ҳаме гуфт бо номвар модарам,
К-аз эдар чӣ ояд зи бад бар сарам.

Саранҷом Кайхусрав ояд падид,
Падид[2] оварад бандҳоро калид.

Бад-он гаҳ ки гардад сарафроз[3] нев,
Аз Эрон биёяд[4] ҳунарманд[5] Гев,

Мар ӯро сӯи тахти Эрон барад,
Бари номдорону шерон барад.

Ҷаҳонро ба мардӣ ба пой оварад,
Ҳамон кини моро ба ҷой оварад».

Бад-ӯ гуфт Гев: «Эй сари саркашон,
Зи фарри бузургӣ ки[6] дорӣ нишон,

---

1. ИЛ – Бад-ӯ гуфт Гев.
2. И – Ба ҷо.
3. ИЛ – ҷаҳондор.
4. Л – Биёяд ба Турон.
5. И – Зи Эрон биёяд сипаҳдор.
6. ИЛМ – чӣ.

www.sattor.com

Нишони Сиёвуш падидор буд,
Чу бар гулситон нуқтаи қор буд.

Ту букшою бинмой бозу ба ман,
Нишони ту пайдост бар анҷуман».

Бараҳна тани хеш бинмуд шоҳ,
Нигаҳ кард Гев он нишони сиёҳ,

Ки мерос буд аз гаҳи[1] Кайқубод,
Дурустӣ бад-он буд каёнро нажод.

Чу Гев он нишон дид, бурдаш намоз,
Ҳаме рехт обу ҳаме гуфт роз.

Гирифташ ба бар шаҳрёри замин,
Зи[2] шодӣ бар ӯ баргирифт офарин.

Аз Эрон бипурсид в-аз тахти шоҳ,
Зи Гударз в-аз Рустами размхоҳ.[3]

Бад-ӯ гуфт Гев: «Эй ҷаҳондор кай,
Сарафрозу бедору фархундапай.[4]

Ҷаҳондори донандаи хубу зишт,
Маро гар супурдӣ саросар биҳишт,

Ҳамон ҳафт кишвар ба шоҳаншаҳӣ,[5]*[6]
Ниҳоди бузургиву тоҷи меҳӣ,[7]*[8]

1. И – шаҳи.
2. Л – Ба.
3. ИЛ – кинахоҳ.
4. ТПЗ – Ҳама шоду равшан ба чеҳри туанд,
Ба нодида яксар ба меҳри туанд.
5. Л – ба шодӣ ҷаҳон.
6. М – шоҳи ҷаҳон.
7. Л – меҳон.
8. М – каён.

www.sattor.com

Набудӣ дили ман бад-ин хуррамӣ,
Ки рӯи ту дидам ба Туронзамӣ.

Ки донад, ба Эрон, ки ман зиндаам,
Ба хокам[1] в-агар б-оташ афкандаам

Сиёвахшро[2] зинда гар дидаме,
Зи тимору ранҷаш бипурсидаме.

Сипос аз ҷаҳондор, к-ин ранҷи сахт
Ба шодиву хубӣ сар овард бахт».

Бирафтанд аз он беша ҳар ду ба роҳ,
Бипурсид Хусрав зи Ковусшоҳ.

В-аз он ҳафтсола ғаму дарди ӯй,
Зи густардану хоб в-аз х(в)арди ӯй.

Ҳаме гуфт бо шоҳ Гев ин сухун,
Ки додори гетӣ чӣ афканд бун.

Ҳамон хоби Гударзу ранҷи дароз,
Хуру пӯшишу дарду орому ноз.

Зи Ковус, к-аш сол бифканд фар,
Зи дарди писар гашт бепову сар.

Аз айвон[3] пароканда шуд рангу бӯй,
Саросар ба вайронӣ овард рӯй.

Дили Хусрав аз дарди эшон бисӯхт,
Ба кирдори оташ рухаш барфурӯхт.

1. И – Ба чангам.
2. Л – Сиёвушро.
3. ИЛ – Эрон.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт: «Акнун зи ранҷи дароз
Туро бар диҳад бахт[1] орому ноз.

Маро чун падар бошу бо кас магӯй,
Бубин, то замона чӣ орад ба рӯй».

РАФТАНИ ГЕВ ВА КАЙХУСРАВ БА СИЁВУШГИРД

Сипаҳбад нишаст аз бари аспи Гев,
Ҳаме рафт пеш-андарун Геви нев.

Яке теғи ҳиндӣ гирифта ба чанг,
Ҳар он кас, ки пеш омадӣ[2] бедиранг,

Задӣ Геви бедордил гарданаш,
Ба зери гилу хок кардӣ танаш.[3]

Бирафтанд сӯи Сиёвушгирд,
Чу омад ду танро дилу ҳуш гирд.

Фарангисро низ карданд ёр,
Ниҳонӣ бар он барниҳоданд кор,

Ки ҳар се ба роҳ андароранд рӯй
Ниҳон аз далерони пархошҷӯй.

---

1. Л –бахту.
2. И – омадаш.
3. Л – пас аз б. 704 ин б. омада, ки б якум ба назар хато мерасад:
   Бирафтанд сӯи Сиёвушгирд,
   Чу омад ду танро дилу ҳуш гирд.
   Бирафтанд сӯи Фарангис низ
   Чу ӯро бидиданд, гуфтанд: «Хез!»*

* И – Сӯи кох рафтанд ҳарду ба ҳам,
Фарангис барҷаст дил пур зи ғам.
Бигуфтанд бо ӯ зи ҳолу хабар
Аз он достони гузашта ба сар.

www.sattor.com

Фарангис гуфт: «Ар диранг оварем,
Ҷаҳон бар дили*[1] хеш танг оварем.

Аз ин огаҳӣ ёбад Афросиёб,
Насозад ба хӯрду наёзад ба хоб.

Биёяд ба кирдори деви сапед,
Дил аз ҷони ширин шавад ноумед.

Якеро зи мо зинда андар ҷаҳон
Намонад ҳаме ошкору ниҳон.

Ҷаҳон пур зи бадхоҳу пур душман аст,
Ҳама марзи мо ҷои оҳарман аст.[2]

Ту, эй б-офарин фарру фарзанди ман,
Шунав, то бигӯям, яке панд ман.[3]

Яке марғзор аст аз эдар на дур,
Ба як сӯ зи роҳи саворони Тур.

Ту бардор[4] зину лагоми сиёҳ,
Бирав сӯи он марғзорон пагоҳ.

Бубинӣ яке кӯҳ сар бар сипеҳр,
Ки бар вай бисояд ҳаме абр чеҳр.[5]

Ба боло барой, яке марғзор
Бубинӣ ба кирдори хуррамбаҳор.

---

1. М – сари.
2. ТПЗИЛ – Агар огаҳӣ ёбад он марди шум,
   Барангезад оташ зи обод бум.
3. Л – б. 712 нест.
4. Л – бо Геву.
5. И – б. 715 нест.

www.sattor.com

Яке ҷӯйбор асту[1] оби равон,
Зи дидори ӯ тоза гардад равон.

Чу хуршед бар теғи гунбад шавад,*[2]
Дари хоб рои сипаҳбад бувад.

Гала ҳар чи ҳаст андар он марғзор,*[3]
Ба обишхур ояд сӯи ҷӯйбор.

Ба Беҳзод бинмой зину лагом,
Чу[4] ӯ ром гардад, ту бардор гом.

Бирав пеши ӯ тез,[5] бинмой чеҳр,
Бихону бар ӯ мол дастат ба меҳр».

Сиёвуш чу гашт аз ҷаҳон ноумед,
Бар ӯ тира шуд рӯи рӯзи сафед,

Чунин гуфт шабранг Беҳзодро,
Ки фармон мабар з-ин сипас бодро.

Ҳаме бош дар[6] кӯҳу дар[7] марғзор,
Чу Кайхусрав ояд туро хостор,[8]

Варо борагӣ бошу гетӣ бикӯб,
Зи душман заминро ба наълат бирӯб.

---

1. И – марғзор асту.
2. М – кашад.
3. М – кӯҳсор.
4. ЛМ – Чун.
5. Л – нек.
6. Л – бо геву; И – бар.
7. И – бар.
8. И –пас аз б. 725 ин б. омада:
   Чу Кайхусрав омад ба кин хостан,
   Инонаш туро бояд оростан.

www.sattor.com

ГИРИФТАНИ КАЙХУСРАВ БЕҲЗОДРО

Нишаст аз бари асп солори нев,
Пиёда ҳаме рафт дар пеши Гев.

Бад-он тундболо ниҳоданд рӯй,
Чунон чун бувад мардуми чораҷӯй,

Фасила чу омад ба танги фароз,
Бихӯрданду сероб гаштанд боз.

Шитобон бишуд Хусрави сарфароз,
Ба наздики он чашма чун шуд фароз,

Ба Беҳзод бинмуд зину лагом,
Бад-он, то барояд-ш аз он кор ком.

Нигаҳ кард Беҳзоду кайро бидид,
Яке боди сард аз ҷигар баркашид.

Бидид он нишасти Сиёвуш паланг,
Рикеби*[1] дарозу ҷаноҳи хаданг.

Ҳаме дошт бар обхур пои хеш,
Аз он ҷо, ки буд, пой нанҳод пеш.

Чу Кайхусрав ӯро ба ором ёфт,
Бипӯиду бо зин сӯи ӯ битофт.[2]

Ҳаме буд барҷой шабрангзод,[3]
Зи ду чашми ӯ чашмаҳо баркушод.

Сипаҳдор бо Гев гирён шуданд,
Чу бар оташи тез бирён шуданд.

---

1. М – рикоби.
2. Л – шитофт.
3. Л – шабранги род.

www.sattor.com

Кушоданд аз дидагон ҳар ду об,
Забон пур зи нафрини Афросиёб.[1]

Бимолид дасташ абар чашму рӯй,[2]
Бару ёл бибсуду бишхуд мӯй.[3]

Лагомаш ба сар карду зин барниҳод,
Ҳаме аз падар кард бо дард ёд.

Чу биншаст бар зин, бияфшурд[4] рон,
Баромад зи ҷой он ҳаюни гарон.

Ба кирдори боди ҳаво бардамид,
Бипарриду аз[5] Гев шуд нопадид.

Ғамӣ шуд дили Геву хира бимонд,
Бад-он хирагӣ номи Яздон бихонд.

Ҳаме гуфт, к-оҳармани чораҷӯй,
Яке борагӣ гашту бинмуд рӯй.

Кунун ҷони хусрав шуду ранҷи ман,
Ҳаме[6] ранҷ буд дар ҷаҳон ганҷи ман.

Чу як нима бубрид аз он кӯҳ шоҳ,
Гарон кард боз он инони сиёҳ.

Ҳаме буд, то пеши ӯ рафт Гев,
Чунин гуфт бедордил шоҳи нев,

1. И – б. 729 – 737 нест.
2. И – Бимолид бар чашми ӯ рӯю мӯй.
3. И – рӯй.
4. ИЛ – бифшурд.
5. Л – Бипаррид в-аз.
6. Л – Ҳама; И – Ҳамин.

www.sattor.com

Ки «Шояд, ки андешаи паҳлавон
Кунам ошкоро ба равшан замон».[1]

Бад-ӯ гуфт Гев: «Эй шаҳи[2] сарфароз,
Сазад к-ошкоро бувад бар ту роз.

Бад-ин эзадӣ фарру бурзи каён,
Ба мӯй андароӣ, бубинӣ миён».

Бад-ӯ гуфт: «Аз ин аспи фаррухнажод
Яке бар дил андеша омад-т ёд.

Чунин кардӣ андеша, эй паҳлавон,
Ки аҳриман*[3] омад бари он[4] ҷавон.

Кунун рафту ранҷи маро кард бод,
Пур аз ғам равони ману дев шод».[5]

Зи асп андаромад ҷаҳондида Гев,
Ҳаме офарин хонд бар шоҳи нев,

Ки «Рӯзу шабон бар ту фархунда бод,
Дили бадсиголони ту канда бод!

Ки бо бурзу аврангиву ҷоҳу фар,
Туро дода Яздон ҳунар бо гуҳар».

Зи боло ба айвон ниҳоданд рӯй,
Пурандеша мағзу равон роҳҷӯй.

1. ИЛ – равон.
2. И – сари.
3. М – оҳарман.
4. Л – ба ҷанги.
5. ТПЗ – Шуд он ранҷи ман ҳафтсола ба бод
Ва дигар, ки эй боварат бар нажод.

www.sattor.com

Чу назди Фарангис рафтанд боз,
Сухан рафт чанде зи роҳи дароз.

Бад-он, то ниҳонӣ бувад корашон,[1]
Набошад кас огаҳ зи бозорашон.[2]

Фарангис чун рӯи Беҳзод дид,
Шуд аз оби дида рухаш нопадид.

Ду рухро ба ёлу бараш барниҳод,
Равони Сиёвуш ҳаме кард ёд.

Чу об аз ду дида пароканда кард,
Сабук сар сӯи ганҷи оганда кард.

Ба айвон яке ганҷ будаш ниҳон,
Набуд з-он касе огаҳ андар ҷаҳон.

Яке ганҷи оганда динор буд,
Гуҳар[3]*[4] буду ёқут бисёр буд.

Ҳамон ганҷи кӯполу баргустувон,
Ҳамон ханҷару теғу гурзи гарон.

Сари*[5] ганҷ букшод пеши писар,
Пур аз хун рух,[6] аз дард хаста ҷигар.

Чунин гуфт бо Гев, к-«Эй дида[7] ранҷ,
Бубин, то зи гавҳар чӣ хоҳӣ зи ганҷ.

1. И – розашон.
2. И – аз корашон.
3. ИЛ – Зиреҳ.
4. М – Дирам.
5. М – Дари.
6. Л – дил.
7. ИЛМ – бурда.

www.sattor.com

Зи динор в-аз гавҳари шоҳвор,
Зи ёқут в-аз тоҷи гавҳарнигор,

Ки мо посбонему ганҷ они туст,
Фидо кардани ҷону ранҷ они туст».

Бибӯсид пешаш замин паҳлавон,
Бад-ӯ гуфт, к-«Эй меҳтари бонувон,

Замин аз ту гардад баҳорон биҳишт,
Сипеҳр аз ту ронад ҳаме хубу зишт.

Ҷаҳон пеши фарзанди ту банда бод,
Сари бадсиголони ту канда[1] бод!»

Чу афтод бар хоста чашми Гев,
Гузин кард диръи Сиёвахши[2] нев.

Зи гавҳар, ки пурмоятар ёфтанд,
Бибурданд чандон, ки бартофтанд.

Ҳамон таргу пурмоя баргустувон,
Силеҳе,[3] ки буд аз дари паҳлавон.

Дари ганҷро кард шоҳ устувор,
Ба роҳи биёбон баророст кор.

1. Л – бадсиголон-т афканда.
2. ИЛ – Сиёвуши.
3. И – Силоҳе.

www.sattor.com

РАФТАНИ ФАРАНГИС БО КАЙХУСРАВ ВА ГЕВ БА ЭРОН

Чу ин карда шуд, барниҳоданд зин
Бар он бодпоёни боофарин.

Фарангис тарге ба сар барниҳод,
Бирафтанд ҳар се ба кирдори бод.

Сарон сӯи Эрон ниҳоданд гарм,
Ниҳонӣ чунон чун бувад нарм-нарм.[1]

Намонд ин сухан як замон дар нуҳуфт,
Кас омад ба наздики Пирон, бигуфт,

Ки «Омад зи Эрон сарафроз Гев,
Ба наздики бедордил шоҳи нев.

Сӯи шаҳри Эрон ниҳоданд рӯй,
Фарангису шоҳу яли ҷангҷӯй».

Чу бишнид Пирон, ғамӣ гашт сахт,
Биларзид бар сони шохи[2] дарахт.

Ҳаме гуфт бо дил, ки омад падид,
Сухан ҳар чи гӯшам зи меҳтар шунид,

Чӣ гӯям кунун пеши Афросиёб,
Маро гашт наздики ӯ тира об.[3]

Зи гурдон гузин кард Гулбодро,
Чу Настеҳани[4] гурд Пӯлодро.

---

1. ТПЗИЛ – Ҳама* шаҳр яксар пур аз гуфтугӯй,
Ки Хусрав ба Эрон ниҳодаст рӯй.
* ИЗ – Чу шуд.
2. И – барги.
3. И – б. 783, 784 нест.
4. Л – Настиҳану.

www.sattor.com

Бифармуд, то[1] турк сесад савор
Бирафтанд гирд аз дари корзор.

Чунин гуфт Пирон ба лашкар, ки Ҳин
Махоред сарҳо абар пушти зин.

Сари Гев бар найза созед", гуфт,
Фарангисро хок бояд нуҳуфт.

"Бубандед Кайхусрави шумро,
Бадахтарпаи бебару бумро.

Агар об бугзорад он беднишон,
Чӣ орад бар ин марзу ин саркашон".

Сипоҳе бар ин гуна гурду ҷавон,
Бирафтанд бедор ду паҳлавон.[2]

Фарангис бо ранҷдида писар
Ба хоб андароварда буданд сар.

Зи паймудани роҳу ранҷи шабон
Мар он ҳар дуро[3] Гев буд посбон.

Ду тан хуфтаву Гев бо ранҷу хашм,
Ба роҳи саворон ниҳода ду чашм.

Зиреҳ дар бару бар сараш низ тарг,
Дил огандаву тан ниҳода ба марг.*[4]

---

1. Л – бо.
2. Л – пас аз б. 791 ин б. омада:
   Ҳамон гоҳ бо созу барги тамом
   Ба раҳ - бар накарданд ҷое маком.
   Ба манзил расиданду Геви сутург
   Ҳамон бо Фарангису шоҳи бузург.
3. ИЛМ – Ҷаҳонҷӯйро.
4. М – б. 795 нест.

www.sattor.com

Ба баргустувон-андарун аст Гев,
Чунон чун бувад расми солори нев.

ГУРЕХТАНИ ГУЛБОД ВА НАСТЕҲАН АЗ БАРИ ГЕВ

Чу аз дур гарди сипаҳро бидид,
Бизад дасту теғ аз миён баркашид.

Хурӯше баровард бар сони абр,
Ки торик шуд мағзу ҷони ҳизабр.

Миёни саворон даромад чу гард,
Зи пархоши ӯ хок шуд лоҷвард.

Замоне ба ханҷар, замоне ба гурз,
Ҳаме рафт оҳан зи болои бурз.

Аз он захми кӯполи Геви далер,
Саронро ҳама сар шуд аз ҷанг сер.

Дили Гев чунон шуд аз дарду[1] хашм,
Ки чун чашма будиш дарё ба чашм.

В-аз он пас гирифтанд андар миён
Чунон лашкари гашну шери жиён.

Зи найза наистон шуд овардгоҳ,
Бипӯшид дидори хуршеду моҳ.

Ғамӣ шуд дили шер дар найситон,
Зи хун найситон гашт чун майситон.

Аз эшон фаровон бияфканд Гев,
Сутӯҳ омаданд он саворони нев.

1. Л – чандон шуд аз зӯри.

www.sattor.com

Ба Настеҳани гурд Гулбод гуфт,
Ки «Ин кӯҳи хорост бо ёлу суфт.

Бидон, к-ин ҳама фарри Кайхусрав аст,
На аз захми кӯполи Геви гав аст.

Надонам чӣ ояд бар ин буму бар,
Зи фармони Яздон[1] кӣ ёбад гузар?

Зи гуфтори ахтаршиносон нишон
Бад ояд ба Турону бар саркашон».

Яке ҳамла карданд бар сони шер
Бад-он лашкари гашн бо доругир.

Хурӯш омаду нолаи каррной,
Ҳаме кӯҳро дил баромад зи ҷой.

Ҳама ғору ҳомун пур аз кушта шуд,
Зи хун хок чун арғавон гашта шуд.

Гурезон бирафтанд яксар сипоҳ
Зи Геви сарарози лашкарпаноҳ,

Ҳама хаставу кушта гаштанд боз
Ба наздики Пирони гарданфароз.

Ба наздики Кайхусрав омад далер,
Пур аз хун бару ҷанг бар сони шер.

Бад- ӯ гуфт, к-«Эй шоҳ, дил шод дор,
Хирад ёр дору тан обод дор.

Яке лашкар омад паси мо ба ҷанг
Чу Гулдобу Настеҳани тезчанг.

1. И – ҳукми ҷаҳонбон.

www.sattor.com

Чунон боз гаштанд, ҳар кас ки зист,
Ки бар ёлу баршон бибояд гирист.

Гузашта зи Рустам ба Эрон савор
Надонам, ки бо ман кунад корзор».

Аз ӯ шод шуд Хусрави покдин,
Ситудаш фаровону кард офарин.

Бихӯрданд чизе, ки дарёфтанд,
Сӯи роҳу бероҳ биштофтанд.

Чу туркон ба наздики Пирон шуданд,
Чунон хаставу зору бирён шуданд,

Барошуфт Пирон, ба Гулбод гуфт,
Ки «Чунин шигифте нашояд нуҳуфт,

Чӣ кардед бо Гев, Хусрав куҷост?
Сухан бар чӣ сон рафт, баргӯй рост».

Бад-ӯ гуфт Гулбод, к-«Эй паҳлавон,
Ба пеши ту гар баркушоям забон,

Ки Геви диловар ба гурдон чӣ кард,
Дилат сер гардад зи дашти набард.[1]

Фаровон ба лашкар маро дидаӣ,
Набарди маро ҳам писандидаӣ.

Бад-он гуна овардам андар рикеб,
Ки гуфтам, ки бинам ҳам акнун нишеб.

Ҳамоно, ки кӯпол беш аз ҳазор
Гирифтӣ зи дасти ман, эй номдор.

1. И – б. 826, 827 нест.

www.sattor.com

Сараш вижа гуфтӣ, ки сандон шудаст,
Бару соидаш пилдандон шудаст.

Ман оварди Рустам басе дидаам,
Зи ҷанговарон низ бишнидаам.

Ба захмаш надидам чунон пойдор,[1]
На дар печишу гардиши корзор.[2]

Гар он гурзҳо мум будӣ ба чанг,[3]
Синони саворон чу[4] чарми паланг,[5]

Набудӣ шигифт, ар[6] бару ёли ӯй
Шудӣ кӯфта хурду[7] чанголи ӯй.

Ҳаме ҳар замон тезу[8] ҷӯшон шудӣ,
Ба наввӣ чу пили хурӯшон шудӣ.

Аз афканда шуд рӯи ҳомун чу кӯҳ,
Зи як тан шуданд он далерон сутӯҳ».[9]

Барошуфт Пирон бад-ӯ гуфт: «Бас!
Ки нанг аст аз ин ёд кардан ба кас.

На аз як савор аст чандин сухун,
Ту оҳанги оварди гурдон[10] макун.

---

1. ИЛ – номдор.
2. И – рӯзгор.
3. Л – санг.
4. Л – зи.
5. Л – пас аз б. 834 ин б. омада:
   Кунун хира аҳримани дилгусил
   Варо аз ту кардаст пурдоғи дил.
6. ЛМ – шигифте; И – аз.
7. Л – хурду.
8. Л – низ.
9. И – б. 837 нест.
10. И – Дили ҷангҷӯён чунин бад.

www.sattor.com

Ту рафтиву Настеҳани номвар,
Сипоҳе ба кирдори шерони нар.

Кунун Гевро сохтӣ пили маст,
Миёни ялон гашт номи ту паст.

Чу[1] з-ин ёбад Афросиёб огаҳӣ,
Бияндозад он тоҷи[2] шоҳаншаҳӣ,

Ки ду паҳлавони далери савор,
Або*[3] лашкаре аз дари корзор,

Зи пеши саворе намуданд пушт,
Басе аз далерони Турон[4] бикушт.

Гавожа басе бошадат бо фусӯс,
На марди дурафшиву кӯполу кӯс».

ОМАДАНИ ПИРОН АЗ ПАИ КАЙХУСРАВ

Зи лашкар гузин кард Пирон савор,*[5]
Далерону ҷангӣ ду раҳ се ҳазор.[6]

Бад-эшон чунин гуфт Пирон, ки «Зуд
Инони таковар бибояд бисуд.

Шабу рӯз бар сони шери жиён*[7]
Зи рафтан набояд кушодан миён.

---

1. И – Ва.
2. И – фарри.
3. М – Чунин.
4. ЛМ – эшон.
5. М – Саворон гузин кард Пирон ҳазор,
   Жул Мул - Ҳама гурду шоистаи корзор.
6. ИЛ – Саворон гузин кард Пирон ҳазор,
   Ҳама ҷангҷӯю ҳама номдор.
7. М – Бибояд шудан бар паи бадгумон.

www.sattor.com

Ки гар Геву Хусрав ба Эрон шаванд,
Занон андар Эрон чу шерон шаванд.

Намонад бар ин буму бар хоку об
В-аз ин доғдил гардад Афросиёб.

Бад-ин рафтан аз ман шиносад гунoҳ,
На аз гардиши ахтару хуру моҳ».[1]

Ба[2] гуфтори ӯ сар барафрохтанд,
Шабу рӯз яксар ҳаме тохтанд.[3]

Чунин то биёмад яке[4] жарфрӯд,
Сипаҳ шуд пароканда бе тору пуд.[5]

Бунаш[6] жарфу паҳнош кӯтоҳ буд,
Бад-он рафтани мард гумроҳ буд.[7]

Буд он обро ном Гулзарриюн,
Будӣ дар баҳорон чу дарёи хун.[8]
Ба дигар карон хуфта буд Геву шоҳ,

---

1. Л – б. 851 нест. И – б. 848 – 851 нест.
   ТПЗЛ – Жул Мул Бирафтанд туркон чу боди дамон
   Ба фармони он номвар паҳлавон.
2. И – Зи.
3. ТПЗИЛ – Начустанд рӯзу шаб орому хоб
   В-аз ин огаҳӣ шуд ба Афросиёб
   В-аз он рӯй Геву Фарагису шоҳ
   Шудандӣ шитобон, буриданд роҳ.
4. Л – ба наздики. И – чун баромад яке.
5. Л – Расиданд бо чавшану диръу хӯд.
6. Л – Ҳаме.
7. Л – Бар ӯ - бар ба рафтан дижогоҳ буд.
8. И – б. 854, 855 нест. Л – б. 855 нест.
   ТПЗ – Расиданд бар оби Гулзарриюн,
   Шаҳаншоҳро Гев буд раҳнамун,
   Ки бояд гузаштан аз ин рӯи об,
   Ниҳодан замоне сари худ ба хоб.
   Агар лашкар ояд сӯи корзор,
   Бувад об моро ба ҷои ҳисор.

www.sattor.com

Нишаста Фарангис бар дидагоҳ.[1]

Фарангис аз он ҷойгаҳ бингарид,
Дурафши сипаҳдори Турон бидид.

Давон*[2] шуд бари Геву огоҳ кард,
Бад-он хуфтагон хоб кӯтоҳ кард.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй марди боранҷ, хез,
Ки омад туро рӯзгори гурез.[3]

Яке лашкар омад паси мо дамон,
Битарсам, ки танг андарояд замон.[4]

Туро гар биёбанд, беҷон кунанд,
Дили мо зи дарди ту печон кунанд.

Маро бо писар ҳар ду дида пуроб
Барад баста наздики Афросиёб.

В-аз он пас надонам чӣ ояд зи банд,*[5]
Надонад[6] касе рози чархи баланд».

Бигуфту бихӯрданд чизе, ки буд,
Шаҳаншоҳ бо Геви пурдил ғунуд.
Зи ногоҳ гарде баромад зи дашт.
Ки кӯҳу дару ғор аз ӯ тира гашт.
Чу Пирон биёмад ба наздики рӯд,
Сипаҳ буд пароканда бе тору пуд.

1. И – Фарангис рафта бари посгоҳ; Л – бар посгоҳ.
2. М – Равон.
3. ИЛМ – ситез.
4. Л – б. 860 нест.
   ТПЗ – Дурафши сипаҳдор Пирон бубин,
   Шуда тира аз гард рӯи замин.
5. М – Надонам чӣ ояд ба мо-бар газанд.
6. ЛМ – Чӣ донад.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт Гев: «Эй маҳи[1] бонувон,
Чаро ранҷа дорӣ[2] бад-ин сон равон?[3]

Ту бо шоҳ баршав ба болой тунд,
Зи Пирону лашкар машав ҳеч кунд.

Ҷаҳондори пирӯз ёри ман аст,
Сари ахтар андар канори ман аст.

Ба нерӯи Яздони ҷонофарин
Саворе намонам бар афрози зин».

Бад-ӯ гуфт Кайхусрав: «Эй размсоз,
Кунун кори ман бар ту-бар шуд[4] дароз.

Зи доми бало ёфтам ман раҳо,
Ту чандин машав дар дами аждаҳо.[5]

Ба ҳомун маро рафт бояд кунун,
Фишондан зи шамшер бар чарх хун».

Бад-ӯ гуфт Гев: «Эй шаҳи сарафроз,
Ҷаҳонро ба тоҷи ту омад ниёз.

Падар паҳлавон асту ман паҳлавон,
Ҳамеша бари шоҳ баста миён.

---

1. ИЛМ – сари.
2. ИЛМ – кардӣ.
3. ТПЗИ – Маро ин ҳама аз паи Хусрав аст,
Ки ӯ аз бузургони гетӣ нав аст,
Фалак равшан аз номвар бахти ӯст,
Замин бандаи пояи тахти ӯст.
Ба нерӯи Яздону дайҳими шоҳ
Натарсам ман аз ҷанги туронсипоҳ.
И – хубиву некист – бар.
4. Л – гардад. И – гашта.
5. ТПЗ – Манам гавҳари поки он покзод,
Сиёвахши шерафкани кайнажод.

www.sattor.com

Бародар маро ҳаст ҳафтоду ҳашт,
Ҷаҳон шуд чу номи ту андар гузашт.[1]

Басе паҳлавон асту шоҳ андаке
Чӣ андак, ки пайдо набинам яке.

Агар ман шавам кушта, дигар бувад,
Сари тоҷвар бошад, афсар бувад.

В-агар ту шавӣ дур аз эдар табоҳ,
Набинам касе аз дари тоҷу гоҳ.

Шавад ранҷи ман ҳафтсола ба бод,
Ва дигар, ки айб оварам бар нажод.

Ту боло гузину сипаҳро бубин,
Маро ёр бошад ҷаҳонофарин.

Чу пирӯз бошам, ҳам аз фарри туст,
Ҷаҳон ҷумла дар сояи парри туст».

ҶАНГИ ПИРОН БО ГЕВ

Бипӯшид диръу биёмад чу шер,
Ҳамон бораи кӯҳпайкар ба зер.

Аз ин сӯ сипаҳбад в-аз он сӯ сипоҳ,
Миёнҷӣ шуда рӯду барбаста роҳ.

Чу раъди баҳорон биғуррид Гев,
Зи солори лашкар ҳаме ҷуст нев.

Барошуфт Пирону дашном дод,
Бад-ӯ гуфт, к-«Эй бадраги[2] баднажод,

1. И – б. 872, 873 нест.
2. ИЛ – бадтани.

www.sattor.com

Ту танҳо бад-ин размгоҳ омадӣ,
Диловар ба пеши сипоҳ омадӣ.

Кунун хӯрданат захми ҷӯпин бувад,
Танатро[1] кафан чанги шоҳин бувад.

Ту гар кӯҳи оҳан бувӣ[2] як савор,
Чу мӯр андароянд гирдат ҳазор,

Кунанд ин зиреҳ дар барат чок-чок,
Чу мурдор он гаҳ[3] кашандат ба хок.

Яке достон зад ҳизабри дамон,
Ки чун бар гавазне сар ояд замон,

Замона бар ӯ дам ҳаме[4] бишмарад,
Биёяд, ки бар шери нар бугзарад.

Замон оваридат кунун пеши ман,
Ҳамон пеши ин[5] номдор анҷуман.»

Аз он пас биғуррид Геви сутург,
Сари саркашон паҳлавони бузург,

Ки «Эй турки бадгавҳари девзод,
Ки чун ту сипаҳбад ба гетӣ мабод!

Ба кини Сиёвуш маро дидаӣ,
Ҳамоно, ки размам писандидаӣ,

1. ИЛМ – Баратро.
2. И – бувад. Л – Агар з-оҳани кӯҳ эй.
3. Л – бесар.
4. Л – нафасҳошро.
5. ЛМ – он.

www.sattor.com

Ки чандон бузургону туркони[1] Чин
Табаҳ гашта[2] бар дасти ман рӯзи кин.

Ба тороҷ додам ҳама хони ту,
Газанд омад аз ман абар ҷони ту.

Ду меҳтар занат буд абар[3] анҷуман,
Асир овaридам кашон аз Хутан.

Яке хоҳарат буд, дигар занат,
Ки ларзон будандӣ ба ҷону танат.

Ду турки дижамро чу[4] ман дидамаш,
Ба камтар[5] яке банда бахшидамаш.[6]

Намудӣ ба ман пушт ҳамчун занон,
Бирафтӣ ғиревону мӯякунон.

Туро худ ҳаме мурд бояд чу зан,
Миёни ялон лофи[7] мардӣ мазан.[8]

К-аз ин нанг то ҷовидон меҳтарон
Бигӯянд, бо руд[9] ромишгарон,

Ки танҳо ҳаме Гев Хусрав бибурд,
Ҳама номатон нанг бояд шумурд.

---

1. ЛМ – Бузургон ҳам аз турку. И – бузургони Турону.
2. Л –Ки шуд кушта. И –Шуда кушта.
3. ИЛ –дар.
4. ИЛ – Дижам чун ки.
5. ИЛМ –кеҳтар.
6. ТПЗИЛ – Ман андар фарозу ту андар нишеб,
   Ту андар шитобу ман андар шикеб.
7. Л –номи.
8. ТПЗИЛ – Ба сони занон мурд бояд туро,
   Куҷо марди доно ситояд туро?
9. ИЛ –руду.

www.sattor.com

Ва дигар бузургони рӯи замин,
Чи фағфуру қайсар, чи хоқони Чин,

Бузургону хешони Ковусшоҳ,
Далерону гурдони зарринкулоҳ,

Ҳама духти Рустам ҳаме хостанд,
Ҳама бар дилаш хоҳиш оростанд.

Ба домодияш кас фиристод Тус,
Таҳамтан бар ӯ кард чандин[1] фусӯс.

Таҳамтан зи пайвандашон сар битофт,
Азеро*[2] сазовори худ кас наёфт.

Ба гетӣ нигаҳ кард Рустам басе,
Зи гурдон наёмад писандаш касе.[3]

Ба ман дод Рустам гузин духтараш,
Ки будӣ гиромитар аз афсараш.

Меҳиндухти Бонугушаспи савор
Ба ман дод гарданкаши номдор.

Зи чандон бузургон маро баргузид,
Сарамро ба чархи барин баркашид.

Супурдам ба Рустам ҳаме*[4] хоҳарам,
Маҳи бонувон Шаҳрбонуирам.

Ба ҷуз пилтан Рустами шермард
Надорам ба гетӣ касе ҳамнабард.

---

1. ИЛ –чанде.
2. М –эшон.
3. ТПЗИЛ – Ба мардиву дониш, ба фарру нажод,
   Ба хӯрду ба бахшиш маро* кард ёд.
   * К –ҳаме.
4. М –Яке.

www.sattor.com

Чу бо Рустам оям ба кин хостан,
Бибояд туро навҳа оростан.[1]

Ман акнун бад-ин ханҷари обгун
Ҷаҳон пеши чашмат кунам қиргун.

Агар зинда монам яке[2] з-ин сипоҳ,
Зи ман номи мардӣ ба гетӣ маҳоҳ.

Шаҳаншоҳ Хусрав ба Эрон барам,
Ба наздики шоҳи далерон барам.

Нишонам-ш бар номвар тахти оҷ,
Ниҳам бар сараш-бар дилафрӯз тоҷ.

В-аз он пас бипӯшам гаронмоя габр,
Кунам шаҳри Турон куноми ҳизабр.[3]

Манам пури Гударзи Кашводагон,
Сари саркашон - Геви озодагон.

Ту, эй[4] турки бадбахт, Пирони шум,
Ки на тоҷ бодат, на тахту на бум,

Бар ин теғи ҳиндӣ бибуррам сарат
Бигиряд ба ту ҷавшану миғфарат.

Ки хамми камандам кунун марги туст,
Кафан, бегумон, ҷавшану тарги туст».*[5]

---

1. ТПЗИЛ –Мар ин размгаҳ базмгоҳи ман аст,
   Гаронмоя миғфар кулоҳи ман аст.
2. ИЛ –касе.
3. ТПЗИЛ –Биёям ба Турон чу шери жиён,
   Ба кини Сиёвуш камар бар миён.
   На Турон бимонам, на Афросиёб,
   Кунам шаҳри Турон чу дарёи об.
4. Л –Туи.
5. М –б. 923 нест.

www.sattor.com

ГИРИФТОР ШУДАНИ ПИРОН ДАР ДАСТИ ГЕВ

Чу бишнид Пирон, баровард хашм,
Дилаш гашт пурҷӯшу, пуроб чашм.[1]

Барангехт аспу бияфшурд рон,
Ба гардан баровард гурзи гарон.

Чу киштӣ зи дашт андаромад ба руд,
Ҳаме дод некидиҳишро дуруд.

Накард эч Гев озмунро шитоб,
Бад-он то сипаҳбад баромад зи об.

Зи ҷангаш ба пастӣ бупечид Гев,*[2]
Гурезон ҳаме рафт солори нев.[3]*[4]

Ҳамовард бо Гев наздик шуд,
Ҷаҳон чун шаби тира торик шуд.[5]

Чу аз об в-аз лашкараш дур кард,
Ба зин андарафканд гурзи набард.

1. ТПЗИЛ -8 байти зерин пеш азб. 924 омада:
   Чу Пирон зи Гев ин суханҳо шунид,
   Дилаш гашт пурбиму дам даркашид.
   Биларзид бар сони ларзанда бед,
   Ҳам аз ҷони ширин бишуд* ноумед.
   Биё, то бигардем ҳар ду чу шер,
   Сазад, гар ба об андароӣ далер.
   Бубинӣ, к-аз ин пурҳунар** як савор
   Чӣ ояд бад-он лашкари номдор,***
   Шумо шаш ҳазореду ман**** як далер,
   Сари саркашон андарорам ба зер.
   Чу ман гурзаи саргирой оварам,
   Саронтон***** ҳама зери пой оварам».
   * ИЛ –бибуд. ** ИЛ –номвар. *** ИЛ-туро ба сар, эй хушёр. ****ИЛ –Ҳазоранду ман номвар. ***** Л –Сарошон.
2. М –рӯй.
3. Л –б. 927 нест.
4. М –пархошҷӯй.
5. ИЛ –б. 928 нест.

www.sattor.com

Яке ҳамла овард[1] бар паҳлавон,
Ту гуфтӣ, ки буд аждаҳои дамон.

Гурезон[2] шуд аз Гев Пирони шер,
Пас-андар ҳаме тохт Геви далер.

Ниҳонӣ аз он паҳлавони баланд
Зи фитрок букшод печон каманд.

Бупечид Геви сарафроз ёл,
Каманд андарафканду кардаш дувол.

Сари паҳлавон андаромад ба банд,
Зи зин баргирифташ ба ҳамми каманд.

Пиёда ба пеш андарафканд хор,
Бибурдаш ба дур аз лаби ҷӯйбор.[3]

Бияфканд бар хоку дасташ бубаст,
Силеҳаш[4] бипӯшиду худ барнишаст,

Дурафшаш гирифта ба даст-андарун,
Бишуд то лаби оби Гулзарриюн.

Чу туркон дурафши сипаҳдори хеш
Бididанд ночор, рафтанд пеш.

Хурӯш омаду нолаи каррной,
Дами нои сарғину ҳиндидарой.

Чу он дид Гев, андаромад ба об,
Чу киштӣ ба мавҷ андарояд шитоб.

1. И –ҳаме кард.
2. ИЛ –ҳазимат.
3. Л –рӯдбор.
4. И –Силоҳаш.

www.sattor.com

Баровард гурзи гаронро ба кифт,
Сипаҳ монда[1] аз кори ӯ дар шигифт.

Сабук шуд инону гарон шуд рикеб,
Сари саркашон хира гашт[2] аз ниҳеб.

Ба теғу[3] рикобу ба суфту[4] ба бод
Ҳаме туркро хок бар сар ниҳод.

945 Аз афканда шуд рӯи ҳомун чу кӯҳ,
Зи яктан шуданд[5] он далерон сутӯҳ.[6]

Қафои ялон сӯи ӯ буд ҳама,
Чу шер андаромад миёни[7] рама.

Чунон лашкари гашну мардони нев
Гурезон бирафтанд аз пеши Гев.[8]

Чунон чира[9] баргашту бугзошт об,
Ки гуфтӣ надидаст лашкар ба хоб.

Дамон то ба наздики Пирон расид,
Ҳаме хост аз тан сарашро бурид.

950 Ба хорӣ бибурдаш пиёда кашон,
Давону пур аз дард*[10] чун беҳушон.

---

1. И –монд.
2. ИЛ –шуд.
3. И –гурзу.
4. И –пою. Л –гурзу.
5. Л –гурзаш шуданд.
6. ТПЗ – Наёзурд як мӯи Гев аз танаш,
Надаррид як тори пероҳанаш.
7. И –ба пеши.
8. И –б. 947 нест.
9. Л –хира.
10. М –тарс.

www.sattor.com

Бари шоҳ бурдаш ҳаме зору хор,
Ду рухсора зарду ба тан сӯгвор.

Пиёда ба наздики Хусрав замин
Бибӯсиду бар шоҳ кард офарин.[1]

Чунин гуфт, к-«Ин бадтани*[2] бевафо
Гирифтор шуд дар дами аждаҳо,

Сиёвуш ба гуфтори ӯ сар бидод,
Чу ӯ бод гашт,[3] ин шавад низ бод».

Абар шоҳ Пирон гирифт офарин,
Хурӯшиду бӯсид[4] рӯи замин.

Ҳаме гуфт, к-«Эй шоҳи донишпижӯҳ,
Чу хуршеди тобон миёни гурӯҳ,

Ту донистаӣ дарду тимори ман,
Зи баҳри ту бо шоҳ[5] пайкори ман.

Агар банда будӣ ба даргоҳ шоҳ,
Сиёвахши хусрав нагаштӣ[6] табоҳ.

Туву модарат ҳар ду аз чанги дев
Бурун оваридам ба рою ба рев.[7]

---

1. И –б. 951, 952 нест.
2. М –бо шоҳ, к-ин.
3. И –Гар ӯ бод шуд.
4. –Хурӯшон бибӯсид.
   *1 М –кардаш.
5. И –бар.
6. И –Сиёвуш нагаштӣ ба гетӣ.
7. ИЛ –б. 979 нест.
   ТП – Зи баҳри Сиёвуш будам хунфишон,
   Фарангисро чӯ аз инҳо нишон.

www.sattor.com

Сазад, гар ман аз чанги ин аждаҳо
Ба фарру ба бахти ту ёбам раҳо».

РАҲО КАРДАНИ ФАРАНГИС ПИРОНРО АЗ ГЕВ

Ба Кайхусрав он гаҳ нигаҳ кард Гев,
Бад-он, то чӣ фармон диҳад шоҳи нев.

Фарангисро дид дида пуроб,
Забон пур зи нафрини Афросиёб.

Ба Гев он гаҳе[1] гуфт, к-«Эй сарфароз,
Кашида[2] чунин ранҷи роҳи дароз.

Чунон дон, ки ин пирсар паҳлавон
Хирадманду род асту равшанравон.

Пас аз додгар довари раҳнамун
Бидон, к-ӯ раҳонид моро зи хун.[3]

Зи бад меҳри ӯ пардаи ҷони мост,
В-аз ин кардаи хеш зинҳор хост.[4]

Ба мо бахшаш, эй номвар, ту кунун,
Ки ҳаргиз набуд бар бадӣ раҳнамун».[5]

Бад-ӯ гуфт Гев: «Эй сари[6] бонувон,
Анӯша бизӣ шоду равшанравон.[7]

---

1. ЛМ –инчунин.
2. ИЛ –Кашидӣ.
3. И –б. 964, 965 нест.
4. Л –пас аз б. 966 ин б. омада:
   Сазад, гар ту бахшоиш орӣ бар ӯй,
   Зи баҳри манаш бад наёрӣ ба рӯй.
5. И –б. 957 нест.
6. И –шахи.
7. Л –Анӯшаравон подшоҳи ҷаҳон.

www.sattor.com

Яке сахт савганд хӯрдам ба моҳ,
Ба тоҷу ба тахти сарафроз шоҳ,

Ки гар даст ёбам бар ӯ рӯзи кин,
Кунам арғавонӣ ба хунаш замин».

Бад-ӯ гуфт Кайхусрав: «Эй шерфаш,
Равонро[1] зи савганди Яздон макаш.

Кунун дил ба савганд густох кун,
Ба ҳанҷар варо гӯш сӯрох кун.

Чу аз ҳанҷарат хун чакад бар замин,
Ҳам аз меҳр ёд оядат,[2] ҳам зи кин».

Дили шоҳ бар паҳлавон[3] гарм дид,
Рухонаш пур аз обу озарм дид.[4]

Бишуд Геву гӯшаш ба ханҷар бисуфт,
Ба савганд бар тандурустӣ бихуфт.

Чунин гуфт Пирон аз он пас ба шоҳ,
Ки «Натвон пиёда шудан то сипоҳ.[5]

Бифармой, к-аспам диҳад боз низ,
Чунон дон, ки бахшидаӣ ҷону чиз».

1. И –Забонро.
2. Л –ояду.
3. Л –шоҳи паҳлав бар ӯ.
4. ТПЗИЛ –Бад-ӯ гуфт, к-«Эй шоҳ, дил шод дор,
Равонро аз ин кор озод дор.
Чу ман сад ҳазорон фидои ту бод,
Хирад з-офариниш равои ту бод».
Зи гуфтори ӯ рух барафрӯхт шоҳ,
Бинандиду рахшанда шуд пешгоҳ.
Бад-ӯ гуфт, к-«Эй некдил* паҳлавон,
Бизӣ шод бо коми дил** ҷовидон!»
* Л –некпай; ** Л –Бар ин шоддил шоҳ то.
5. И –Ки « Чун пӯям, эй шаҳ, пиёда ба роҳ».

www.sattor.com

Ба Гев он гаҳе гуфт шоҳи далер,
Ки «Аспаш маро бахш, эй наррашер».[1]

Бад-ӯ гуфт Гев: «Эй далери сипоҳ,
Чаро суст гаштӣ ба овардгоҳ,[2]

Агар хоҳӣ ин бодпои давон,*[3]
Ду дастат бубандам ба банди гарон.

Яке сахт савгандро ёд кун,
Ба паймон тани баста[4] озод кун,[5]

Ки накшояд ин банди ман ҳеч кас,
Кушоянда Гулшаҳр хоҳам ва бас,

Куҷо меҳтари бонувони ту ӯст,
В-аз ӯ нест пинҳон[6] туро мағзу пӯст».

Бад-он гашт ҳамдостон паҳлавон,
Ба савганд бихрид аспу равон,[7]

---

1. И –б. 978 нест.
2. ТПЗИ – Ту онӣ, ки гӯӣ, ба гетӣ чу ман
Саворе набошад ба сад анҷуман.
Сипаҳдори туркону шерон* туӣ?
Ба разм-андарун хасми Эрон туӣ?**
Кунун пеши ман баста, пуроб чашм,
На ному на нангу на зӯру на хашм.
Ҳаме лоба созӣ ба сони занон,
Пур аз нанг бо шоҳ лобакунон.
* И –турон. ** И –Ба ҷанг-андарун бими шерон туӣ?
3. М –равон.
4. Л –Хаста.
5. И –б. 980, 981 нест. ЛИ –пас аз б. 981 ин б.омада:
Ба савгандхорӣ* диҳам бора боз,
Ду дастат бубандам ба банди дароз.
* Л –савгандхӯрӣ.
6. Л –ӯяст пайдо.
7. Л -984 нест.

www.sattor.com

Ки накшояд ин банди ман кас ба роҳ,
Ки Гулшаҳр дорад мар ин дастгоҳ.

Бад-ӯ дод аспу ду дасташ бубаст,
В-аз он пас бифармуд, то барнишаст.

Фарангису Кайхусрави хубчеҳр,
Ба бар-дар гирифтанд ӯро ба меҳр.[1]

Бирафту ҳаме хонд ӯ офарин
Абар шоҳу бар паҳлавони замин.[2]

ЁФТАНИ АФРОСИЁБ ПИРОНРО БА РОҲ

Чу аз лашкар огаҳ шуд Афросиёб,
Бар ӯ тира шуд тобиши офтоб.

Бизад кӯсу бӯқу[3] сипаҳ барнишонд,
Ба кирдори оташ аз он ҷо биронд.[4]

Ду манзил яке карду омад дамон,
Ҳаме ҷаст бар сони тир аз камон.

Чу овард*[5] лашкар бад-он размгоҳ,
Ки оварди Гулбод буд бо сипоҳ.

Ҳама марз лашкар пароканда дид,
Ба ҳар ҷой-бар[6] мардум афканда дид.

---

1. ТПЗИЛ –Бад-ӯ гуфт Хусрав, ки падруд бош,
Ҷаҳон тору ту дар миён пуд бош.
Агар додгустар диҳад додамон,
Набошад дареғ аз ту ҷону равон.
2. ТПЗ – Бад-он сӯ равон гашт Пирони нев,
В-аз ин сӯй шоҳу Фарангису Гев.
3. Л –ною рӯин.
4. ИЛ-Зи айвон ба кирдори оташ биронд.
5. М –Биёвард.
6. Л –пур.

www.sattor.com

Бипурсид, к-ин паҳлавон бо сипоҳ
Кай[1] омад аз Эрон бар ин размгоҳ[2]?

995 Набуд огаҳе кас зи ҷанговарон,
Ки бугзашт аз ин сон сипоҳи гарон?

Кӣ бурд огаҳӣ назди он девзод,
Ки он ҷо Сиёвахш дорад нажод?[3]

Агар хок будиш омӯзгор,
Надидӣ ду чашми ман ин рӯзгор.

Сипаҳрам бад-ӯ гуфт: «Осон будӣ
В-агар дил зи лашкар ҳаросон будӣ.

Яке Геви Гударз будасту бас,
Савор эч бо ӯ надидем кас.

1000 Сутӯҳ омад аз ҷанги як тан сипоҳ,
Чунон рафт[4] Геву Фарангису шоҳ.

Чу бишнид, ранги рухаш зард шуд,
Зи гардун дили ӯ пур аз дард шуд.

Варо дод посух, ки омад падид,
Сухан ҳар чӣ гӯшам зи доно шунид,

Чу Яздон касеро кунад некбахт,
Абе кӯшиш ӯро расонад ба тахт».

1. Л –Ки.
2. И –б. 991 -994 нест.
3. ИЛ –Ки касро дилу рои Пирон мабод.
4. И –Ҳаме рафт.

www.sattor.com

Сипаҳбад чу гуфти Сипаҳрам[1] шунид,
Сипоҳе ба[2] пеш андаромад падид.

Сипаҳдор Пирон ба пеш-андарун,
Сару рӯю ёлаш[3] ҳама пур зи хун.

Гумон бурд,*[4] к-ӯ Гевро ёфтаст,
Ба пирӯзӣ аз пеш биштофтаст.

Чу наздиктар шуд, нигаҳ кард шоҳ,
Чунон*[5] хаста буд паҳлавони сипоҳ.

Варо дид баста ба зин-бар чу санг,
Ду дасташ паси пушт бо полаҳанг.

Бипурсиду з-ӯ монд андар шигифт,
Ғамӣ гашту андеша андаргирифт.

Бад-ӯ гуфт Пирон, ки «Шери[6] жиён,
На дарранда гургу на бабри баён,

Набошад чун ӯ[7] дар сафи корзор,
Куҷо Гев танҳо буд, эй шаҳрёр.[8]

Бар он сон, ки ӯ бардамад рӯзи ҷанг,
Зи бимаш ба дарё бисӯзад наҳанг.[9]

---

1. ИМ –Сипаҳрам чу гуфтӣ сипаҳбад.
2. И –зи.
3. Л –пояш.
4. М –кард.
5. М –худ он.
6. И –пили.
7. ИЛ –чун он.
8. ИПЗИЛ – Ман он дидам аз вай, ки аз гургу шер
   Набинад ҷаҳондида марди далер.
9. И –б. 1012 нест.

www.sattor.com

Нахуст андаромад ба гурзи гарон,
Ҳаме кӯфт чун путки оҳангарон.

Ба аспу ба пою ба ёлу рикеб
Савор аз фароз андаромад ба шеб.[1]

Ҳаме зад, ҳаме кушт гурдони мо,
На андеша будаш зи мардони мо.

Ҳамоно, ки борон наборад зи меғ,
Фазун з-он ки борид бар сар-ш теғ.

Чу андар гулистон ба зин-бар нахуфт,[2]
Ту гуфтӣ, ки гаштаст бо кӯҳ[3] ҷуфт.

Саранҷом баргашт яксар сипоҳ,
Ҷуз аз ман нашуд кас бараш[4] кинахоҳ.

Гурезон зи ман тоб дода каманд,
Бияндохт,[5] омад миёнам[6] ба банд.

Пароканда шуд донишу ҳуши ман,
Ба хок андаромад тану тӯши ман.

Зи асп андаромад, ду дастам бубаст,
Барафканд бар зину*[7] худ барнишаст.

Бад-он хориям назди Хусрав кашид,
Яке доғ бар ҷонам аз нав кашид.

1. Л – нишеб.
2. Л – бинуфт.
3. Л – гурз.
4. ИЛ – набуд пеши ӯ.
5. ЛМ –Бияфканд.
6. ИЛ – сари ман.
7. М – Ба пеш - андар афканду.

www.sattor.com

Ҳаме хост сар, лек бидрид гӯш,
Ду дастам бубасту баровард ҷӯш.[1]

Ба ҷону сари шоҳу хуршеду моҳ,
Ба додори худкому[2] тахту кулоҳ

Маро дод аз ин гуна савганд сахт,
Бихӯрдам, чу дидам, ки баргашт бахт,

Ки накшояд ин дасти ман ҳеч кас,
Ба ҷуз ҷуфти Гулшаҳр дар даҳру бас.[3]

Замоне сару поям андар каманд,
Ба дигар замон зери савганд[4] банд.[5]

Надонам чӣ роз аст назди сипеҳр,
Бихоҳад рабудан зи ман[6] пок меҳр».

Чу бишнид гуфтораш Афросиёб,
Ба дида зи хашм андаровард об.

Яке бонг барзад, зи пешаш биронд,
Бупечид Пирону хомуш бимонд.

В-аз он пас ба мағз андарафканд бод,
Ба дашному савганд лаб баркушод,

1. ИЛ –б. 1021 -1023 нест.
2. Л –ҳар кому. И –Ба додору дайҳиму.
3. ИЛ – Ки касро нагӯӣ, ки букшой даст,
Ҳам эдун бирав* то ба ҷои нишаст.
* И –Чунин ҳам равӣ.
4. ИЛ –савганду.
5. ТПЗИ – Яке тан беҳ ояд зи чандин савор,**
Ҳамоно, ки кин дорад ин*** рӯзгор.
** И –эдар зи туркон ҳазор. *** И –хоҳад аз.
6. Л –буридан зи мо.

www.sattor.com

Ки гар Геви Гударзу он девзод
Шаванд абри ғурранда ё[1] тезбод,

Фуруд оварамшон зи чархи баланд,
Бизад даст в-аз теғ букшод банд,

Бигуфташ: «Бад-ин теғи оҳангузор
Ба кина барорам аз эшон димор.[2]

Фарангисро чун ба чанг оварам,
Ба чашмаш ҷаҳон тору танг оварам.[3]

Миёнаш бибуррам ба шамшери тез,
Ба моҳӣ диҳам, то кунад рез-рез.

Чу Кайхусрав Эрон биҷӯяд ҳаме,
Фарангис бо вай чӣ пӯяд ҳаме?»

ГУФТУГӮИ ГЕВ БО БОЖБОН

Ба сӯи Хутан рафт Пирон нажанд,
В-аз ин сӯ ҳаме тохт шоҳи баланд.[4]

Худи саркашон сӯи Ҷайҳун кашид,
Ҳаме доман аз хашм дар хун кашид.

Ба Ҳумон бифармуд, к-«Андаршитоб,[5]
Инонро бикаш то лаби рӯди об,

1. Л –ғуррандеву.
2. Л –б. 1034 нест.
3. И –б. 1035 нест.
4. Л -1039 нест.
5. Л –к-эдар.

www.sattor.com

Ки чун Геву Хусрав[1] зи Ҷайҳун гузашт,
Ҳама[2] ранҷи мо бод[3] гардад ба дашт.

Нишон омад аз гуфтаи ростон,
Ки доно бигуфт аз гаҳи бостон,

Ки аз тухмаи Тур в-аз Кайқубод
Яке шоҳ сар барзанад бонажод,

Ки Туронзаминро кунад хорсон,
Намонад бар ин[4] буму бар шорсон.

Дили ӯ ба Эрон гирояд ба меҳр,
Ба Турон намояд пур аз кина чеҳр.[5]

Расиданд пас Геву Хусрав ба об,
Ҳаме будашон бар гузаштан шитоб.

Гирифтанд пайкор бо божхоҳ,
Ки «Киштӣ кадом аст[6] бар божгоҳ

Наванде, куҷо бодбонаш нав аст,
Нишасте, ки зебои Кайхусрав аст?»

Чунин гуфт пас Гевро божгоҳ,
Ки «Оби равонро чи чокар, чи шоҳ.

Ҳаме гар гузар боядат з-оби рӯд,
Фиристод бояд ба киштӣ дуруд».

---

1. ЛМ –Чу ояд хабар, к-ӯ.
   *1 М –хезад зи ҳар ду.
2. Л –ғаму.
3. И –пок.
4. ЛМ –ҳаме.
5. И –б. 1046 нест.
6. ЛМ –гузар дошт.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт Гев: «Он чи хоҳӣ, бихоҳ!
Гузар деҳ, ки танг андаромад сипоҳ».

Чу бишнид аз ӯ[1] божбон гуфтугӯй,
Сӯи Гев кард он гаҳе тез рӯй:[2]

«Нахоҳам зи ту, гуфт, бож андаке,
Аз ин чор чизат бихоҳам[3] яке.

1055 Зиреҳ хоҳам аз ту, гар аспи сиёҳ,
Парастор ё ридаки ҳамчу моҳ».

Бад-ӯ гуфт Гев: «Эй гусистахирад,
Сухан з-ин нишон худ кай[4] андархурад?

Агар бо шаҳаншоҳ шаҳре будӣ,
Туро з-ин ҷаҳон низ баҳре будӣ.

Кӣ бошӣ, ки шаҳро кунӣ хостор
Чунин бодпое ту, эй хоксор?[5]

Дигар[6] модари шоҳ хоҳӣ ҳаме,
Ба бож афсари моҳ хоҳӣ ҳаме?

1060 Се дигар чу шабранг Беҳзодро,
Ки дарёбад ӯ рӯзи[7]*[8] таг бодро.

1. Л - аз ин.
2. И –б. 1053 нест.
3. ЛМ –бибояд.
4. И – з-он нишон гӯ, ки.
5. И -1057, 1058 нест.
6. ЛМ –Агар.
7. ИЛ –Ки кӯтоҳ дорад ба.
8. М –кӯтаҳ бидорад ба.

www.sattor.com

Чаҳорум, ки ҷустӣ ба хира[1] зиреҳ,
Зиреҳ бояд аз ҳар касе бо*[2] гиреҳ.

Нагардад чунин оҳан[3] аз об тар,
На оташ бар ӯ-бар бувад коргар.

На найза, на шамшери ҳиндӣ, на тир,
Ҳаме бож хоҳӣ бар ин обгир.

Кунун об морову киштӣ туро,
Бад-ин моя роҳи[4]*[5] дуруштӣ туро».

ГУЗАШТАНИ КАЙХУСРАВ АЗ ҶАЙҲУН

1065 Ба шаҳ гуфт Гев: «Ар ту Кайхусравӣ,
Набинӣ аз ин об ҷуз некувӣ.

Фаридун, ки бугзашт аз Арвандрӯд,
Ҳаме дод[6] тахти меҳиро дуруд.

Ҷаҳоне саросар шуд ӯро раҳӣ,
Ки бо равшанӣ буду бо фарраҳӣ.

Чӣ андеша, ар шоҳи Эрон туӣ.
Паноҳи далерону шерон туӣ.

Ба бад обро кай бувад бар ту роҳ,
Ки бо фарру бурзиву зебои гоҳ.

1070 Агар ман шавам ғарқа, гар*[7] модарат,
Гаронӣ набояд, ки гирад сарат.

1. Л –киштӣ.
2. М –Ки онро надонӣ кушодан.
3. И –ҷома.
4. ИЛ –шоҳӣ.
5. М –Чунин моя моро.
6. И –Фиристод.
7. М –бо.

www.sattor.com

Баҳона ту будӣ маро дар ҷаҳон,[1]
Ки бекор буд тахти[2] шоҳаншаҳон.

Маро низ модар зи баҳри ту зод,
Аз ин бора бар дил макун хеч ёд,[3]

Ки ман бегумонам, ки Афросиёб
Биёяд дамон то лаби рӯди об.

Маро баркашад зинда бар дор хор,
Фарангисро бо ту, эй шаҳрёр,

Ба об афканад, моҳиёнтон х(в)аранд
Ва ё зери наъл – андарун биспаранд».[4]

Бад-ӯ гуфт Кайхусрав: «Ин аст бас
Паноҳам ба Яздони фарёдрас.

Фуруд омад аз бораи роҳҷӯй,
Бинолиду бар хок бинҳод рӯй.

Ҳаме гуфт «Пушту паноҳам туӣ,
Намояндаи доду роҳам туӣ».[5]

Дуруштиву нармӣ маро фарри туст,
Равони[6] хирад сояи парри туст».

Бигуфт ину бар пушти шабранг шуд,
Ба чеҳра ба сони шабоҳанг шуд.[7]

---

1. ЛМ –Зи модар ту буд(ӣ) муроди ҷаҳон.
2. Л –бахти.
3. И –б. 1067 -01072 нест.
4. ИМ – Ба об афканадтону моҳӣ х(в)арад.
   Ва гар зери наъл-андарун биспарад.
5. ТПЗ – Ба об-андарун ҷонфазоям туӣ,
   Ба хушкӣ ҳаме раҳнамоям туӣ.
6. Л –Равону.
7. И –б. 1079, 1080 нест.

www.sattor.com

Ба об андарафканд хусрав сиёҳ,
Чу киштӣ ҳаме ронд то божгоҳ.

Паси ӯ Фарангису Геви далер
Бурун шуд зи Ҷайҳуну аз обгир.

Бар он сӯ гузаштанд ҳар се дуруст,
Ҷаҳонҷӯй Хусрав сару тан бишуст.

Бар он достон-бар[1] ниёиш гирифт,
Ҷаҳонофаринро ситоиш гирифт.

Чу аз рӯд карданд ҳар се гузар,
Нигаҳбони киштӣ шуд осемасар.

Ба ёрон чунин гуфт, к-инат шигифт,
К-аз ин бадтар андоза натвон гирифт.

Баҳорону Ҷайҳуну оби равон,
Се аспу се ҷавшан, се баргустувон

Бар ин жарфдарё чунин бугзарад,
Хирадмандаш аз мардумон нашмарад.

Пушаймон шуд аз хом гуфтори хеш,
Табаҳ дид аз он кор бозори хеш.

Биёрост киштӣ ба чизе, ки дошт,
Зи боду ҳаво бодбон барфарошт.

Ба пӯзиш биёмад бари шаҳрёр,
Чу омад ба наздикии рӯдбор,

Ҳама хадяҳо пеши шоҳ оварид,
Камону каманду кулоҳ оварид.

1. Л –бар наистон.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт Гев: «Эй саги[1] камхирад,
Ту[2] гуфтӣ, ки ин об мардум барад.[3]

Чунин моявар богуҳар шаҳрёр
Ҳаме аз ту киштӣ кунад хостор?

Надодӣ, кунун ҳадяи ту мабод!
Расад рӯзи кин, рӯзат ояд ба ёд».

Чунон хор баргашт аз ӯ рӯдбон,
Ки ҷонро ҳаме гуфт падруд амон.

Чу омад ба наздикии божгоҳ,
Ҳам он гаҳ биёмад зи Турон сипоҳ.

Чу назидики рӯд омад Афросиёб,
Ҳам он гаҳ биёмад зи Турон сипоҳ.

Яке бонг зад тунд бар божгоҳ,
Ки «Чун ёфт он дев бар об роҳ?»

Чунин дод посух, ки «Эй шаҳрёр,
Падар божбон буду ман бождор

На дидам, на ҳаргиз шунидам чунин
Ки кардӣ касе оби дарё[4] замин.

Баҳорону ин об бо мавҷи тез,
Чу андар шавӣ, нест роҳи гурез.

Чунон баргузаштанд ҳар се савор,
Ки гуфтӣ ҳаво доштшон дар канор.

1. Л –ками. И –каму.
2. Л –Чӣ. И –на.
3. И –х(в)арад.
4. ИЛ –Ҷайҳун.

www.sattor.com

Ва ё худ зи боди вазон зодаанд,
Ба мардум зи Яздон фиристодаанд».

Чу бишнид аз ин сон, рухаш гашт зард,
Баровард аз дил яке боди сард.[1]

Аз он пас бифармуд Афросиёб,
Ки «Биштобу киштӣ дарафкан дар об.

Бубин, то куҷо ёбӣ он рафтагон,
Шудастанд ё монда аз[2] хуфтагон.

Бад-он то биёбемашон, зуд бош,
Биёвар ту киштиву падруд[3] бош».

Бад-ӯ гуфт Ҳумон, ки «Эй шаҳрёр,
Барандешу оташ макун дар канор.

Ту бо ин саворон ба Эрон шавӣ,
Ҳаме дар даму чанги шерон шавӣ.

Чу Гударзу чун Рустами пилтан,
Чу Тусу чу Гургини лашкаршикан.

Ҳамоно, ки аз гоҳ сер омадӣ,
Ки эдар ба чанголи шер омадӣ?

Аз ин рӯд то Чину Мочин туровст,
Хуру моҳу кайвону парвин туровст.

Ту Турон нигаҳ дору тахти баланд,
Аз Эрон кунун нест биму газанд».

1. И –б. 1104 нест.
2. Л –мондаанд.
3. Л –дар рӯд.

www.sattor.com

Пур аз хун дил аз руд[1] гаштанд боз,
Баромад бар ин рӯзгори дароз.

РАФТАНИ КАЙХУСРАВ БА ИСФАҲОН

Чу бо Гев Кайхусрав омад ба Зам,
Ҷаҳоне аз ӯ шоду чанде дижам.

Наванде ба ҳар сӯ барафканд Гев,
Яке нома бинвишт аз[2] шоҳи нев,

Ки омад зи Турон сипаҳдор шод -
Сари тухмаи номвар Кайқубод,

Сарафроз[3] Кайхусрави некбахт,
Ки шуд оби Ҷайҳун ба зераш чу тахт.[4]

Фиристодае чусту гурду савор,
Хирадманду бинолиду ҳушёр

Гузин кард аз он номдорони Зам,
Бигуфт, он чи пеш омад аз бешу кам.

Бад-ӯ гуфт: «Аз эдар бирав б-Исфаҳон,
Бар он марзи шоҳону ҷои меҳон,

Ба Гударз гӯ, «Эй ҷаҳонпаҳлавон,
Бихуфтиву бедор будат равон».[5]

Бигӯяш, ки «Кайхусрав омад ба Зам,
Ки боде наҷаст аз бари ӯ дижам».

1. Л –Ҷигархун дил аз дард.
2. Илм –аз Гев в-аз.
3. И –Дилафрӯз.
4. Л –б. 1119 нест.
5. ТПЗ – Сурушат намуд он саранҷом хоб,
Ки омад зи Ховарзамин офтоб.

www.sattor.com

Яке нома наздики Ковусшоҳ
Фиристода барҷасту бигрифт[1] роҳ.

Ҳаюнони кафафкани бодпой
Биҷастанд бар сони оташ зи ҷой.

Фиристодаи Геви равшанравон
Нахустин биёмад бари паҳлавон.

Паёмаш ҳаме гуфту нома бидод,
Ҷаҳонпаҳлавон нома бар сар ниҳод.

Зи баҳри Сиёвуш ду дида пуроб,*[2]
Ҳаме кард нафрин бар Афросиёб.

Фиристода шуд назди Ковуси кай,
Зи ёли ҳаюнон биполуд хай.

Чу омад ба даргоҳи Ковусшоҳ,
Зи шодӣ хурӯш омад аз боргоҳ.

Сипаҳбад фиристодаро пеш хонд.
Бар он номаи Гев гавҳар фишонд.

Ҷаҳоне ба шодӣ биёростанд,
Ба ҳар ҷой ромишгарон хостанд.

В-аз ин огаҳӣ шуд сӯи Нимрӯз
Ба фирӯзии Геви гетифурӯз.[3]

Бубахшид Рустам ба дарвеш зар,
Ки н-омад газанде бар он шери нар.

1. Л –омад ба.
2. М –биборид об.
3. ТПЗЛ – Ки омад хиромон ба Эронзамин
Ба пирӯзии Хусрави покдин.

www.sattor.com

В-аз он пас гусӣ кард Бонугушасп
Або хоста ҳамчу Озаргушасп.[1]

Ҳазору дусад номвар меҳтарон,
Або тахт,[2] бо тоҷҳои гарон.

Парастанда сесад, ғуломон ду шаст,
Ҳамон ҳар яке, ҷоми заррин ба даст.

Бурун рафт Бону зи[3] пеши падар,
Бари Гев шуд ҳамчу мурғи бапар.

Фиристод Геваш сӯи Исфаҳон,
Пароканда номаш ба гирди ҷаҳон.[4]

Хабар шуд ба гетӣ, ки фарзанди шоҳ[5]
Ҷаҳонҷӯй Кайхусрав омад зи роҳ.

В-аз он рӯи дигар[6] меҳони ҷаҳон,
Бирафтанд яксар[7]*[8] сӯи Исфаҳон.

Биёрост Гударз кохи баланд,
Ҳама дебаи хусравонӣ фиканд.

Ба зарру ба гавҳар биёрост гоҳ,
Чунон чун бибояд сазовори шоҳ.[9]

1. Л –б. 1136 нест.
2. Л –тахту.
3. Л –бо пур.
4. И –Чу омад ба наздики Ковусшоҳ.
5. И –гетӣ. Л як сар.
6. Л –ҷумла.
7. И –б. 1134 -1140 нест.
8. М –сӯи.
9. ТПЗИЛ – Яке тахт бинҳод пайкар ба зар,
Ба зар-андарун чанд гуна гуҳар.

www.sattor.com

Яке ёраву тавқ[1] бо гӯшвор,
Яке тоҷи пургавҳари шоҳвор.

Саросар ҳама шаҳр озин бубаст,
Биёрост майдону худ[2] барнишаст.

Меҳони сарафроз бархостанд,
Пазира шуданро биёростанд.

Бирафтанд ҳафтод фарсанг пеш,
Пазира шудандаш ба оини хеш.

Чу омад ба дидор бо шоҳ Гев,
Пиёда шуданд он саворони нев.

Чу чашми сипаҳбад баромад ба шоҳ,
Ҳамон Гевро дид*[3] бо ӯ ба роҳ.

Фурӯ рехт аз дидагон оби зард,
Зи дарди Сиёвуш басе ёд кард.

Фуруд омад аз борагӣ паҳлавон,
Гирифташ ба бар шаҳрёри замон,[4]

Ситудаш фаровону кард офарин,
Чунин гуфт, к- "Эй шаҳрёри ҷавон,[5]

Ту бедордил бошу бедорбахт,
Ба ҷои ту кишвар нахоҳам, на тахт.

---

1. ИЛМ –бора бо тавқу.
2. ЛМ –пас.
3. М –Геви Гударз.
4. Л –ҷаҳон.
5. И –б. 1151, 1152 нест.

www.sattor.com

Зи ту чашми бадхоҳи ту дур бод,
Равони Сиёвуш пур аз нур бод![1]

Ҷаҳондор Яздон гувои ман аст.
Ки дидори ту ҷонфизои[2] ман аст.

Сиёвахшро[3] зинда гар дидаме,
Бар ин гуна аз дил нахандидаме."

Бибӯсид чашму сари Геву гуфт,
Ки "Берун кашидӣ сипеҳр аз нуҳуфт.

Гузорандаи хобу ҷангӣ туӣ,
Гаҳи чора марди дирангӣ туӣ!"

Бузургони Эрон ҳама пеши ӯ
Якояк ниҳоданд бар хок рӯй.

В-аз он ҷойгаҳ шод гаштанд боз,
Фурӯзанда шуд бахти гарданфароз.[4]

Сӯи хонаи паҳлавон омаданд,
Ҳама шоду равшанравон омаданд.

Бибурданд як ҳафта бо май ба даст,
Биёроста базмгоҳи нишаст.

Ба ҳаштум сӯи шаҳри Ковусшоҳ
Ҳама шоддил баргирифтанд роҳ.

---

1. И-б. 1154 нест.
2. ИЛ –раҳнамои.
3. ИЛ –Сиёвахшро.
4. Л –б. 1160, 1161 нест.
   ТПЗ – Сипаҳдор Гударзи Кашводагон
   Зи шоҳу зи фарзанд шуд шодмон.

www.sattor.com

РАСИДАНИ КАЙХУСРАВ НАЗДИ КОВУС

Чу Кайхусрав омад бари шаҳрёр,
Ҷаҳон гашт пурбӯю рангу нигор.

Ба озин*[1] ҷаҳоне шуд ороста,
Дару бому девор пурхоста.

Нишаста ба ҳар ҷой ромишгарон,
Гулобу маю мушк бо заъфарон.

Ҳама ёли аспон пур аз мушку май,
Шакар бо дирам рехта зери пай.

Чу Ковуси кай рӯи Хусрав бидид,
Сиришкаш зи мижгон ба рух барчакид.

Фуруд омад аз тахту шуд пеши ӯй,
Бимолид бар рӯи ӯ чашму рӯй.

Ҷавони ҷаҳонҷӯй бурдаш намоз,
Гурозон сӯи тахт рафтанд боз.

Фаровон зи туркон бипурсид шоҳ,
Ҳам аз тахти солори туронсипоҳ.

Чунин дод посух, ки «Он камхирад
Ба бад рӯи гетӣ ҳаме биспарад.

Сипаҳбад чӣ пурсад аз он шӯрбахт,
Ки на ком бодаш, на тоҷу на тахт!

Падарро бад-он зору хорӣ[2] бикушт,
Зад он[3] модарамро ба захми дурушт,

1. М -оин
2. Л –зорворӣ.
3. Л –Занон.

www.sattor.com

Ки то ман шавам кушта андар шикам,
Ки ӯро раҳои мабодо зи ғам!

Чу гаштам ман аз покмодар ҷудо,
Ба кӯҳам фиристод он носазо.

Миёни бузу говмешу сутур
Шумурдам шубу рӯз гарданда хур.

Саранҷом Пирон биёмад ба кӯҳ,
Маро бурд наздики он кинпижӯҳ.[1]

Битарсидам аз кору кирдори ӯй,
Бупечидам аз хашму озори ӯй.

Зи ҳар ҷой пурсиду ҳар чиз гуфт,
Хирад бо ҳунар кардам андар нуҳуфт.

Зи сар гар бипурсид, гуфтам зи пой,
Зи хӯрд ар бипурсид, гуфтам зи ҷой.

Бибурдаш варо ҳушу дониш Худой.
Маро бехирад ёфт он тирарой.

Чу бемоя дарёфт мағзи сарам,
Ба нафрин фиристод зӣ модарам.[2]

1185 Агар[3] вижа абре бувад рӯдбор,[4]
Кушандападар чун бувад дӯстдор?»[5]

1. И –б. 1174 -1179 нест.
2. И –б. 1181 -1184 нест.
3. Л –в-агар.
4. И –шавад дуррбор. Л –бувад дур ба бор.
5. ИЛ –пас аз б. 1185 ин б. омада:

Нахонад маро мӯбад аз оби пок,
Ки бипрастам ӯро падар зери хок.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт Ковус, к-«Эй сарфароз,
Ҷаҳонро ба тоҷи ту омад ниёз,

Ки ҳастӣ ба гавҳар зи тухми меҳон,
Сазовору доно чу шоҳаншаҳон».[1]

Дигар гуфт Хусрав ба Ковусшоҳ,
Ки «Эй шаҳрёри ҷаҳондидагоҳ.

Зи Гев ар бигӯям ба Хусрав хабар,
Ҳар он-ч аз вай омад ҳама сар ба сар,

Аҷаб монаду нест[2] ҷои шигифт,
К-аз он[3] бартар андоза натвон гирифт,[4]

Ки вай чанд сахтӣ бибурду намуд,
Ба Турон маро ҷусту разм озмуд.

Агар низ ранҷе набурдӣ чунин,*[5]
Кӣ бо ман биёмад ба Туронзамин?

Сарафроз ду паҳлавон бо сипоҳ
Паси мо биёмад чу оташ ба роҳ.

Ман он дидам аз Гев, к-аз пили маст
Набинад ба Ҳиндустон бутпараст.

Гумоне набурдам, ки ҳаргиз наҳанг
Зи дарё барояд[6] бад-он сон*[7] ба ҷанг.

1. Л –б. 1186, 1187 нест.
2. Л –ҳаст.
3. Л –ин.
4. И –б. 1186 -1190 нест.
5. М –набудӣ ҷуз ин.
6. Л –биёяд.
7. М –бад-он сон.

www.sattor.com

Чунон[1] лашкари гашну ду паҳлавон,
Ҳазимат гирифтанд пиру ҷавон.[2]

В-аз он пас, ки Пирон биёмад далер,*[3]
Миёнбаставу бодпое ба зер,[4]

Ба ёлаш бияндохт печон[5] каманд,
Сари паҳлавон андаромад ба банд.[6]

Ба хоҳишгарӣ рафтам, эй шаҳрёр,
В-агарна бикандӣ сарашро ба зор.

Бад-он к-ӯ зи дарди падар хаста буд,
Зи бад гуфтани ман забон баста буд.

Маро ӯ раҳониду модар ба ҳам
Зи чанголи ошуфта шери дижам.

В-агарна маро ҳам ба сони падар
Ҳаме хост аз тан ҷудо кард сар[7].

Чунин[8] то лаби рӯди Ҷайҳун зи чанг
Наёсуд бо гурзаи говранг.

Саранҷом бугзошт Ҷайҳун ба хашм,
Ба обу ба хушкӣ наяфканд чашм.

1. Л –Чунин.
2. И –б. 1196 нест.
3. М –чу шер.
4. ТПЗИЛ – Ба об андаромад ба сони наҳанг,
Ки гуфтӣ заминро бисӯзад ба чанг.
5. ЛМ –Бияндохт бар ёлу таркаш.
6. ТПЗ – Кашонаш биёвард дар пеши ман,
Бубахшуд бар вай дили реши ман,
7. И –б. 1201 1204 нест.
8. ИЛ –ҳаме.

www.sattor.com

Касеро, ки чун ӯ бувад паҳлавон,
Сазад, гар бимонад ҳамеша ҷавон».[1]

Чу Ковус гуфтори Хусрав шунид,
Рухонаш ба кирдори гул бишкуфид.

Сари Гев бигрифт андар канор,
Бибӯсид рӯю бараш бешумор.

Ба Гударз-бар шаҳ гирифт офарин,
Бар он кишвару буму бар ҳамчунин.

Яке*[2] хилъаташ дод, к-андар ҷаҳон
Касе он надид[3] аз кеҳону меҳон.

Набиштанд маншур бар парниён
Хуросону Рай, ҳам[4] Қуму Исфаҳон.

Варо дод солори ҷамшедфар,
Диловар ба хуршед-бар бурд сар.

«Кашидӣ варо, -гуфт, -бисёр ранҷ,
Кунун бар хур, эй ранҷдида зи ганҷ».

Ҳамон гоҳ Гударзу гударзиён
Кушоданд бар офаринҳо забон.

Ниҳоданд сар яксара бар замин,
Ҳаме хондандӣ бар ӯ офарин.

Фарангисро гулшани зарнигор
Биёрост бо тавқу бо гӯшвор.

1. ИЛ –Ҳамеша ҷавон боду равшанравон.
2. М –Чунин.
3. Л –Надида касе.
4. Л –то.

www.sattor.com

Дар айвонҳо гоҳи заррин ниҳод,
Фарозаш ҳама дебаи Чин ниҳод.

Бару буму пайванд бугзоштӣ.
Фаровон ба раҳ ранҷ бардоштӣ.

«Кунун шаҳри Эрон сарои ту аст,
Маро раҳнамоянда рои ту аст».[1]

1220 Маҳи бонувон хондаш*[2] офарин,
Ки бе ту мабодо замону замин.[3]

САРКАШӢ КАРДАНИ ТУС АЗ КАЙХУСРАВ

Яке кохи Кашвод буд дар Ситахр,
Ки озодагонро бад-он буд фахр.

Чу аз тахти Ковус бархостанд,
Ба айвони ӯ[4] рафтан оростанд.

Ҳаме гуфт Гударз бо шаҳрёр,
Чу омад бад-он гулшани зарнигор.

Бар авранги заррин-ш биншонданд,
Ба шоҳӣ бар ӯ офарин хонданд.

---

1. ТПЗЛ – Манам меҳрубонтар зи Афросиёб,
Ба рӯи ту бинам маҳу офтоб.
Маро чизу ганҷу равон они туст,
Дар ин марз фармонраво они туст.
2. М –Ҳама бонувон хонданд.
3. И –б. 1206 -1220 нест.
ТПЗЛ – Сипаҳдору Кайхусраву меҳтарон
Нишастанду хонданд ромишгарон.*
Чу Ковуси кай хӯрд чанде набид,
Биёвард мар ганҷҳоро калид.
Ба пеши ҷаҳонҷӯй Хусрав ниҳод.
Ҳамон ҳар замон ҳадяи нав ниҳод.
*Л –Ду ҳафта шабу рӯз буданд маст. Гаҳе ҷому бода, гаҳе ҷомдаст.
4. ИЛ –нав.

www.sattor.com

Бубастанд гурдони Эрон камар,
Ҷуз аз Туси Нузар, ки печид сар,

Ки ӯ буд бо кӯсу зарринакафш,
Ҳам ӯро будӣ ковиёнӣ дурафш.

Аз он кор Гударз шуд тезмағз,
Паёме бари ӯ фиристод нағз.

Биёмад[1] чаҳонҷӯй Геви далер,
Ки чанги ялон дошт, оҳанги шер.

Бад-ӯ гуфт: «Бо Туси Нузар бигӯй,
Ки ҳангоми шодӣ баҳона маҷӯй.

Бузургону шерони Эронзамин
Ҳама шоҳро хонданд офарин.

Чаро сар кашӣ ту ба фармони дев,
Бупечӣ сар аз роҳи[2] кайҳонхидев?

Агар сар бупечӣ зи фармони шоҳ,
Маро бо ту кин хезаду размгоҳ.

Фиристода Гев асту пайғоми ман
Ба дастурии номдор анҷуман.

Биёяд ба назди ту, эй пурҳунар,
Мапечон зи гуфтори ӯ ҳеч сар».[3]

Зи пеши падар Гев бинмуд пушт,
Дилаш пур зи гуфторҳои дурушт.

1. Л –Ба дасти.
2. ИЛМ –Набинӣ ҳаме фарри.
3. ИЛ –б. 1234 нест.

www.sattor.com

Биёмад, ба Туси сипаҳбад бигуфт,
Ки «Ин рои ту бо хирад нест ҷуфт».

Чу бишнид, посух чунин дод Тус,
Ки «Бар мо на хуб аст кардан фусӯс.

Ба Эрон пас аз Рустами пилтан
Сарафрози лашкар манам з-анҷуман.

Набери Манучеҳршоҳи далер,
Ки гетӣ ба теғ андаровард зер[1].

Манам пури Нӯзар ҷаҳоншаҳрёр,
Зи тухми Фаридун манам ёдгор.[2]

Ҳар он ҷо, ки[3] пархош ҷӯям, ба ҷанг
Бидаррам дили шеру чарми паланг.

Ҳаме бе ман оину рой оваред,
Ҷаҳонро зи нав кадхудой оваред.

Набошам бар ин кор ҳамдостон,
Зи Хусрав мазан пеши ман достон.[4]

Ҷаҳондор, к-аз тухми Афросиёб
Нишонем, бахт андарояд ба хоб.

Нахоҳем шоҳ аз нажоди Пашанг,
Фасила на некӯ бувад бо паланг.[5]

---

1. ТПЗ – Ба Эрон сипаҳдори ҷангӣ манам,
   Ҳамон шаҳнажоду дирангӣ манам.
2. ИЛ –б. 1240 нест.
3. Л –Ҳамон шери.
4. И –б. 1124 -1143 нест.
5. Л –хуррам бувад бо наҳанг.

www.sattor.com

Ту ин ранҷҳоро, ки бурдӣ, бар аст,
Ки Хусрав ҷавон асту кундовар аст.

Касе к-ӯ бувад шаҳрёри замин,
Ҳунар бояду гавҳару фарру дин.

Фарибурз-фарзанди Ковусшоҳ
Сазовортар з-ӯ ба тахту кулоҳ.

Ба ҳар сӯ зи душман надорад нажод,
Ҳамаш фарру зеб асту ҳам ному[1] дод».

Дижам Гев бархост аз пеши ӯй,
Ки хом омадаш донишу кеши ӯй.

Бад-ӯ гуфт, к - «Эй номвар нев Тус,
Набояд, ки печӣ гаҳи захм кӯс.

Чу бинӣ синонҳои гударзиён,
Аз ин суд ҷустан сар ояд[2] зиён.

Басе ранҷ бурдем ҳар ду ба ҳам,
Кунун додӣ онро ба боду ба дам.

Туро гар будӣ фарру рои дуруст,
Зи Албурз шоҳе набоист ҷуст.

Зи афсар сари ту аз он шуд тиҳӣ,
Ки на мағз будат, на рои меҳӣ.

Касеро диҳад тахти шоҳӣ Худой,
Ки бо фарру бурз асту бо ҳушу рой».[3]

1. Л –меҳру.
2. Л –бас орӣ.
3. Л –б. 1256 нест.

www.sattor.com

Бигуфташ суханҳо аз ин сон дурушт,
Ба тундӣ аз он ҷой бинмуд пушт.[1]

Биёмад, ба Гударзи Кашвод гуфт,
Ки рою[2] хирад нест бо Тус ҷуфт.

Ду чашмаш, ту гӯӣ, набинад ҳаме,
Фарибурзро баргузинад ҳаме.

1260 Ба Эрон[3] набошад чу Хусрав савор,[4]
На бар зини заррин чун ӯ шаҳрёр.[5]

ХАШМ КАРДАНИ ГУДАРЗ БО ТУС

Барошуфт Гударзу гуфт: «Аз меҳон
Ҳаме Тус кам бод андар ҷаҳон!

Намоем ӯро, ки фармону тахт
Киро зебаду фарру аврангу бахт».[6]

Наберу писар[7] дошт ҳафтоду ҳашт,
Бизад кӯсу омад аз айвон ба дашт.

Саворони ҷангӣ даҳу ду ҳазор
Бирафтанд баргустувонвар савор.

---

1. И –б. 1251 -1257 нест.
2. И –фарру.
3. Л –Ба айвон.
4. Л –нигор.
5. И –Абар тахту бо тоҷу бо гӯшвор.
   Л – Ба Эрон наёмад чу Хусрав савор,
   На бар тахт бо тавқу бо гӯшвор.
6. И –б. 1262 нест.
7. Л –Набера, писар.

www.sattor.com

Сипаҳдор Гударзи лашкаршикан,
Сипоҳаш зи гударзиён анҷуман.[1]*[2]

В-аз он сӯ биёмад сипаҳдор Тус,
Бубастанд бар кӯҳаи пил кӯс.

Бубастанд гурдон фаровон миён,
Ба пеш-андарун[3] ахтари ковиён.

Чу Гударзро диду[4] чандон сипоҳ.
К-аз он[5] хира шуд чашми*[6] хуршеду моҳ.[7]

Яке тахт бар кӯҳаи жандапил
Зи пирӯза тобон ба кирдори нил.

Ҷаҳонҷӯй Кайхусрави тоҷвар
Нишаста бар он тахту баста камар.

Ба гирд-андараш жандапилон[8] дувист,
Ту гуфтӣ ба гетӣ ҷуз ӯ шоҳ[9] нест.

Бар он тахт метофт Хусрав чу моҳ,
Зи ёқути рахшанда бар сар кулоҳ.

Або ёраву тавқу бо гӯшвор,
Ба даст-андарун гурзаи говсор.[10]

---

1. ИЛ –б. 1265 нест.
2. М – Кас омад, ба Туси сипаҳбад бигуфт,
   Ки Гударз бо кӯс рафт аз нуҳуфт.
3. Л –пеши сипоҳ. И –пеши сипаҳ.
4. Л –дид.
5. Л –Ҳаме.
6. V –Бад-ӯ тира шуд рӯи.
7. Л –Бар ӯ тира шуд гардиши хуру моҳ.
8. Л –гирдаш-дарун зиндапилон.
9. Л –Ки андар замин ҷой.
10. ИЛ –б. 1273 нест.

www.sattor.com

Ғамӣ шуд дили Тусу андеша кард,
Ки имрӯз агар ман бисозам[1] набард,

Басе кушта ояд зи ҳарду сипоҳ,
Зи[2] Эрон набархезад ин кинагоҳ.[3]

Набошад ҷуз аз коми Афросиёб,
Сари бахти туркон барояд зи хоб.

Ба Турон[4] расад тахти шоҳаншаҳӣ,
Сар ояд ҳама рӯзгори беҳӣ.

Хирадманд мардеву ҷӯяндароҳ
Фиристод наздики Ковусшоҳ,

Ки "Аз мо касе*[5] гар бар ин дашти ҷанг
Ниҳад бар[6] камон чӯби[7] тири ҳаданг,

Яке кина хезад, ки Афросиёб
Ҳама шаб набинад ҷуз[8] инро ба хоб."

---

1. Л –созам ин ҷо.
2. И –Аз.
3. И –кинахоҳ.
4. И –Бад-эшон.
5. М –Яке.
6. Л –дар.
7. Л –камон чӯба тири.
8. Л –мар.

www.sattor.com

РАФТАНИ ГУДАРЗ ВА ТУС ПЕШИ КОВУС АЗ БАҲРИ ПОДШОҲӢ

Чу бишнид Ковус гуфтор рост,
Фиристод кас, ҳардувонро бихост.

Фиристода аз назди Ковусшоҳ
Биёмад бари паҳлавони сипоҳ.[1]

Бад-ӯ гуфт нарм: «Эй ҷаҳондида пир,[2]*[3]
Манеҳ заҳри бурранда дар[4] ҷоми шир.

Бинеҳ теғу букшой банд аз[5] миён,
Набояд, ки ин суд*[6] гардад[7] зиён.

Сипаҳпаҳлавонон абе анҷуман[8]*[9]
Хироманд[10]*[11] ҳар ду ба наздики ман».

Бишуд Тусу Гударз наздики шоҳ,
Сухан[12] баркушоданд бар пешгоҳ.

Чунин гуфт Туси сипаҳбад ба шоҳ,
Ки «Гар шоҳ сер омад аз тоҷгоҳ,

Ба фарзанд бояд, ки монад ҷаҳон,
Бузургиву дайҳиму тахти[13] меҳон.

---

1. И –Паҳлавонон зи роҳ.
2. Л –Ки Ковус мегӯяд, эй наррашер.
3. М –шер.
4. ИЛ –бар.
5. И –з-оҳан.
6. М –сӯй.
7. И –К-аз ин суд ояд.
8. Л –Шумо паҳлавонон або анҷуман. И –Шумо паҳлавонони ин анҷуман.
9. М –Шумо паҳлавонон абе анҷуман.
10. ИЛМ –Биёед.
11. М –Тус, эй гаронмоя.
12. ИМ –Забон.
13. ЛМ –ганҷи.

www.sattor.com

Чу фарзанд бошад, набера кулоҳ
Чаро барниҳад, барнишинад ба гоҳ?

Фарибурз бо фарру бурзи каён
Миён баста дорад чу шери жиён».

Бад-ӯ гуфт Гударз, к-«Эй камхирад,
Туро бихрад аз мардумон нашмарад.[1]

Ба гетӣ касе чун Сиёвуш набуд,
Чун ӯ роду бедору[2] хомуш набуд.

Кунун ин ҷаҳонҷӯй фарзанди ӯст,
Ҳамон аст*[3] гӯӣ ба чеҳру ба пӯст.

Гар аз Тур дорад зи модар нажод,
Ҳам аз тухми шоҳӣ напечад зи дод.

Ба Эрону Турон чунон*[4] мард нест,
Чунин хом гуфторат аз баҳри чист?

Ду чашмат надидаст худ чеҳри ӯй,
Чунон бурзу болову он меҳри ӯй.

Ба Ҷайҳун гузар кард, киштӣ наҷуст
Ба фарри каёну ба[5]*[6] рои дуруст.

Чу шоҳи Фаридун, к-аз Арвандрӯд
Гузашту наёмад ба киштӣ фуруд,

---

1. ТПЗЛ – Чаро мекунӣ бар тани худ фусӯс,
Натарсӣ, чу бар пил банданд кӯс?
2. И –Чу ӯ роду озоду.
3. М –ҳам ӯяст.
4. М –чун ӯ.
5. ИЛ –каёниву.
6. М –каёниву.

www.sattor.com

Зи мардиву аз фарраи эзадӣ
Аз ӯ дур шуд[1] чашму дасти бадӣ.

Дигар, к-ӯ ба хуни падар бар миён
Бубандад камар ҳамчу шери жиён,

Аз Эрон бигардонад ӯ ранҷу тоб,
Бувад бар кафаш ҳуши Афросиёб.

Маро гуфт дар хоб фаррух Суруш,
Ки фарраш нишонад аз Эрон хурӯш.

Чу орояд ӯ тоҷу тахти меҳон,
Баросояд аз ранҷу сахтӣ ҷаҳон.[2]

Ту нӯзарнажодӣ, на бегонаӣ,
Падар тунд[3] буду ту девонаӣ.

Силеҳи ман ар бо ман астӣ кунун,
Бару ёли ту кардаме ғарқи*[4] хун.

Ба теғи набардӣ туро хастаме,
В-аз ин гуфти беҳуда ворастаме.

Миёни каён душманӣ афканӣ,
В-аз он хештан дар манӣ афканӣ.

1. ЛМ –Бубандад дилу.
2. И –б. 1300 -103 нест.
3. Л –тез.
4. М –ёл гаштит ғарқа ба.

www.sattor.com

Шаҳаншоҳ донад, ки ӯ подшост,
Диҳад тахти шоҳӣ бад-он, к-аш ҳавост».[1*2]

Бад-ӯ гуфт Тус: «Эй сипаҳдори пир,
Чӣ гӯӣ суханҳои нодилпазир?[3]

Агар ту зи Кашвод дорӣ нажод,
Манам Туси Нӯзар шаҳи шоҳзод.

В-агар теғи ту ҳаст сандонишикоф,
Синонам бидаррад дили кӯҳи Қоф.[4]

---

1. ТПЗИ – Бад-ӯ гуфт Тус, «Эй яли шӯрбахт,
Чӣ гӯӣ суханҳои бемағзу сахт?
На хусравнажодӣ, на волосарӣ,
Падар з-Исфаҳон буд оҳангаре.
Чу фармони мо бурд, солор гашт,
В-аз он путкдорӣ сипаҳдор гашт».
Бад-ӯ гуфт Гударз: «Боз ор ҳуш,
Сухан бишнаву паҳн букшой гӯш.
Ба ман чун ҳамолон барафрохтӣ,
Ҳамоно ту худ нек нашнохтӣ.
Чу гӯӣ сухан ту ҳаме з-ин нишон
Бари шоҳ Ковусу гарданкашон
Маро нест з-оҳангарӣ нангу ор,
Хирад бояду мардӣ, эй бодсор,
Ниёи ман оҳангари Кова* буд,
Ки бо фарру бурзу або ёра буд.**
Бидаррид ӯ аҳли Заҳҳокро,
Чунон аждаҳодӯши нопокро,
Барафрӯхт он ковиёнӣ дурафш,
Ки нозад бад-ӯ Туси зариннакафш.
Пас аз Рустаму Золу Соми савор
Наримону Гаршосп он номдор,
Чу Гударзи Кашводу чанде писар,
Ки бастанд бар шаҳри Эрон камар».
* И –оҳангари кора. ** И –Ки чун ӯ ба мардӣ ба гетӣ набуд.
2. М –ки ӯ подшост.
3. ТПЗ – Ту ин фарру шавкат зи мо ёфтӣ,
Чу дар бандагӣ тез биштофтӣ.
4. ТПЗ – В-агар гурзи ту ҳаст бо сангтоб,
Хадангам бидӯзад дили офтоб.

www.sattor.com

Марову туро, -гуфт, -пайкор чист?
Шаҳаншоҳ донад, ки солор кист».[1]

Бад-ӯ гуфт Гударз: «Чандин магӯ,
Ки чандин набинам туро обрӯ».[2]

Ба Ковус гуфт: «Эй ҷаҳондида шоҳ,
Ту дилро[3] магардон зи оину роҳ.

Ду фарзанди пурмояро пеш хон,
Бари хеш биншон ба равшанравон.[4]

Бубин, то зи ҳар ду сазовор кист,
Ки бо бурзу бо фарраи эзадист.

---

1. И –б. 1312 нест.
   ТПЗ – Суханҳои беҳуда кам мешумор,
   Туро бо суханҳои шоҳон чӣ кор?
2. ТПЗ – Чӣ донӣ ту оини шоҳаншаҳӣ,
   Ки дорӣ сар аз мағзу дониш тиҳӣ.
   Фаридун зи Кова сарафроз гашт,
   Ки бо тахту дайҳим дамсоз гашт.
   Чу пайванди Заҳҳоки ҷоду бихаст,
   Фаридун камар бар миёнаш бубаст.
   Сутуни каён, пушти эронсипоҳ,
   Чу Кова набуд ҳеч кас некхоҳ.
   Чу Қоран, ки будам бародар, падар
   Чу Кашводи зарринкамар, пурҳунар.
   Фурӯзандаи тахту суду зиён
   Ба гетӣ кӣ ояд чу гударзиён?
   Туро гар фузун аст волосарӣ
   Валекин надорӣ зи ман бартарӣ.
   Ба мардиву дониш, ба ганҷу ҳунар
   Сутуни каёнам падар бар падар.
3. Л –дил бад.
4. ИЛМ –Сазовори гоҳанд ҳар ду ҷавон.

www.sattor.com

Сазоворро бахш тахту[1] кулоҳ,
Агар сер гаштӣ зи тахту сипоҳ».[2]

Бад-ӯ гуфт Ковус к-«Ин рой нест,
Маро ҳар ду фарзанд бар дил якест.[3]

Якеро чу ман карда бошам гузин,
Дили дигар аз ман шавад пур зи кин.

Яке чора созам,[4] ки ҳар ду зи ман
Нагиранд кин андар ин[5] анҷуман.

Ду фарзанди моро кунун бо ду хел[6]
Бибояд шудан то дари[7] Ардабил.

Ба марзе, ки он ҷо дижи Баҳман аст,
Ҳамасола пархоши оҳарман аст.

Ба ранҷанд з-оҳарман оташпараст
Наёрад[8] бад-он марз мӯъбад нишаст.[9]

Аз эшон яке к-он бигирад ба теғ,
Надорам аз ӯ тахту[10] шоҳӣ дареғ».

1. Л –ганҷу.
2. И –б. 1317 нест;
   ТПЗИЛ – Бад-ӯ тоҷ биспору дил шод дор,
   Ки фарзанд бинӣ ҳаме шаҳрёр.
3. И –Ки фарзанд ҳар ду ба дил-бар якест.
4. Л –донам.
5. Л –он.
6. Л –хел-асли калима хайл.
7. Л –гирифтан раҳи.
8. И –наёбад.
9. Л – Ба ранҷ аст аз оҳарман эзадпараст,
   Ки натвонад эмин ба гунбад нишаст.
10. Л –ганҷи.

www.sattor.com

Шуниданд[1] Гударзу Тус ин сухун,
Ки афканд солори бедор бун.

Бад-он[2] ҳар ду гаштанд ҳамдостон,
Назад з-он накӯтар[3] касе достон.

Бар ин[4] ҳамгинон дил биёростанд.
Зи пеши сипаҳдор бархостанд.

РАФТАНИ ТУС ВА ФАРИБУРЗ БА ДИЖИ БАҲМАН ВА БОЗ ОМАДАН КОМНОЁФТА

Чу хуршед барзад сар аз бурҷи шер,
Сипеҳр андаровард шабро ба зер.

Фарибурз бо Туси Нӯзар давон*[5]
Биёмад ба наздики шоҳи ҷаҳон.

Чунин гуфт бо шоҳ Ковус Тус:
«Кунун бо сипаҳ ман барам пилу кӯс.

Ҳамон ман кашам[6] ковиёнӣ дурафш,
Кунам лаъли рухсори душман бунафш.

Ба фарри Фарибурзу зӯри каён
Бубандам каёнӣ камар бар миён».[7]

---

1. И –Чу бишнид.
2. И –Бар ин.
3. И –Надонист аз ин беҳ.
4. Л –он.
5. М –дамон.
6. Л –барам.
   *2 М –зи лашкар чиҳил гурди.
7. ТПЗИЛ –Кунун дар замон* ман зи даргоҳи шоҳ
   Буна барниҳам,барнишонам сипоҳ.
   Пас андар Фарибурзу кӯсу дурафш
   Ҳаво созад** аз сумми аспон*** бунафш,

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт ҳар кас, ки ронад зи пеш,
Нагардад шумор эч бар камму беш.

Ба рои худованди хуршеду моҳ
Тавон ёфт[1] пирӯзиву дастгоҳ.[2]

Фарибурзро гар чунин аст рой,
Ту лашкар биёрою маншин зи пой.[3]

Бишуд Тус бо ковиёнӣ дурафш,
Ба пой-андарун карда зарринакафш[4]

Фарибурзи Ковус дар қалбгоҳ,
Ба пеш-андарун Тусу пилу[5] сипоҳ.

Бишуд Тус бо лашкари ҷангҷӯй,
Ба тезӣ сӯи диж ниҳоданд рӯй.[6]

Чу наздикии ҳисни Баҳман расид,
Замин ҳамчу оташ ҳаме бардамид.

Синонҳо зи гармӣ ҳаме барфурӯхт,
Миёни зиреҳ марди ҷангӣ бисӯхт.

Замин сар ба сар гуфтӣ аз оташ аст,
Ҳаво доми оҳармани саркаш аст.

Чу фарзандро фарру бурзи каён
Набошад, набера бубандад миён.****

*И –ҳамчунон. ** И –кард. *** Л –Ҷаҳоне шуда сурху зарду. **** Л –танҳо ду б. аввал дида шуд.

1. И –Бувад тоҷу.
2. Л –тахту гоҳ.
3. ТПЗИЛ -Ба пешӣ набошад сухан камму беш,
   Замона нагардад зи оини хеш.
4. Л –Зи лашкар чиҳил марди зарринакафш.
5. И –хайлу.
6. И –б. 1338 нест.

www.sattor.com

Сари бораи диж буд андар ҳаво,
Надиданд ҷанги ҳаворо раво.

Сипаҳбад Фарибурзро гуфт: «Мард
Ба чизе чу ояд[1] ба дашти набард:*[2]

Ба тиру камону ба теғу каманд,
Бикӯшад, ки бар душман орад газанд.

Ба пиромани диж яке роҳ нест,
В-агар ҳаст, аз мо кас огоҳ нест.

Миён зери ҷавшан бисӯзад ҳаме,
Тани боркаш барфурӯзад ҳаме.[3]

Ту андеша дар дил маёвар басе,
Ту нагрифтӣ ин диж, нагирад касе».[4]

Бигаштанд як ҳафта гирд-андараш,
Ба ҷое надиданд пайдо дараш.

Ба навмедӣ аз разм гаштанд боз,
Наёмад бар аз ранҷи роҳи дароз.

---

1. И – тезӣ чу омад; Л – хиромад.
2. М – Сари ҳамнабард андарорад ба гард.
3. ТПЗ – Касе нест, к-ояд, бисозад басеч
   Набинем ҷуз оташи гарм ҳеч.
   Наёрад зи Эрон кас ин диж гирифт,
   Шигифте туро з-ин набошад шигифт.
4. ИЛ – б. 1347 нест.

www.sattor.com

РАФТАНИ КАЙХУСРАВ БА ДИЖИ БАҲМАН ВА ГИРИФТАН ОНРО

Чу огоҳӣ омад ба озодагон
Бари пир*[1] Гударзи Кашводагон,

Ки Тусу Фарибурз гаштанд боз,
Туро рафт бояд ҳаме*[2] размсоз.[3]

Биёрост*[4] Гударзу бархост ғав,
Биёмад сипаҳбад ҷаҳондори нав.

Яке тахти заррин забарҷаднигор
Ниҳоданд бар пилу[5] ҷангисавор.[6]

Ба гирд-андараш[7] бо[8] дурафши бунафш,
Ба пой-андарун карда зарринакафш.

Зи беҷода тоҷеву тавқе зи зар,
Ба зар-андарун чанд гуна[9] гуҳар.

Ҳаме гуфт, к-имрӯз рӯзи нав аст,
Нишасти ҷаҳонҷӯй Кайхусрав аст.

Ҷаҳонҷӯй[10] бар тахти заррин нишаст,
Ба сар-бар яке тоҷу гурзе ба даст.

---

1. М – Ба Геву ба.
2. М – Ба дил гуфт бояд шудан.
3. Л – Ба дил гуфт бояд шудан сарфароз.
4. М – Баророст.
5. Л – пили.
6. И – чанде савор.
7. И – гирд-андарун.
8. Л – буд.
9. Л – нақш карда.
10. И – Ҷаҳондор.

www.sattor.com

Бишуд то дижи Баҳман озодшоҳ,
Худу Геву Гударзу чандон сипоҳ.[1]

Чу наздики диж шуд, ба зин барнишаст.
Бипӯшид диръу миёнро бубаст.

Нависандае хонд бар пушти зин,
Яке нома фармуд бо офарин.

Зи анбар навиштанд бар паҳлавӣ,
Чунон чун бувад номаи хусравӣ,

Ки ин нома аз бандаи кирдгор,
Ҷаҳонҷӯй Кайхусрави номдор.

Ки аз бандае аҳриман бад бичаст.[2]
Ба Яздон зад аз ҳар бадӣ покдаст,[3]

Ки ӯяст ҷовид[4] бартар Худой,
Ҳам ӯяст рӯзидиҳу[5] раҳнамой.

Худованди кайвону баҳрому хур,
Худованди фарру худованди зӯр.[6]

Маро дод авранги фарри каён,
Тани пилу чанголи шери жиён.

---

1. ИЛ – б. 1358 нест.
2. Л – Ки аз банди аҳримани бутпараст.
3. ТПЗ – Ту, эй Баҳмани ҷодуи тираҷон,
   Барандеш аз кирдгори ҷаҳон.
4. Л – ҷовиду.
5. И – Худованди некидеҳу; ЛМ – некидеҳу.
6. И – пас аз б. 1365 ин б. омада:
   Ба фарру ба фармони Яздони пок
   Худои самову худованди хок.

www.sattor.com

Ҷаҳоне саросар ба шоҳӣ марост,*[1]
Сари гов то бурҷи моҳӣ марост.*[2]

Гар ин диж бару буми оҳарман аст,
Ҷаҳонофаринро ба дил душман аст.

Ба фарру ба фармони Яздони пок
Сарашро зи абр[3] андарорам*[4] ба хок.

В-агар ҷодувонрост ин дастгоҳ,
Маро худ ба ҷоду набояд сипоҳ.

Чу хам дар[5] дуволи каманд оварам,
Сари ҷодувонро ба банд оварам.

В-агар худ хуҷаста Суруш-андар аст,
Ба фармони Яздон яке лашкар аст.

Ҳамон ман на аз пушти оҳарманам,
Ки бо фарру бурз аст ҷону танам.

Ба фармони Яздон кунам диж*[6] тиҳӣ,
Ки ин аст фармони шоҳаншаҳӣ.

Яке найза бигрифт Хусрав дароз,
Бар ӯ баст он номаи сарфароз.

Ба сони дурафше баровард рост,
Зи гетӣ ба ҷуз фарри шоҳӣ нахост.

1. М – Ҷаҳоне саросар маро шуд раҳӣ.
2. М – Маро равшанӣ ҳасту ҳам фаррахӣ.
3. И – ба гурз.
4. М – Аз абр андарорам сарашро.
5. Л – хамми.
6. М – он.

www.sattor.com

Бифармуд, то Гев бо найза тафт
Ба наздики он баршуда бора рафт.

Бад-ӯ[1]*[2] гуфт, к -«Ин номаи пандманд
Бубар сӯи девори ҳисни баланд.

Бинеҳ найзаву номи Яздон бихон,
Бигардон инон тезу лахте бирон».[3]

Бушуд Гев найза гирифта ба даст,
Пур аз офарин гурди[4] яздонпараст.

Чу нома ба девори диж дарниҳод,
Паёми ҷаҳонҷӯй Хусрав бидод.[5]

Зи Яздони некидиҳиш ёд кард,
Пас он чармаи тезрав бод кард.

Шуд он номаи номвар нопадид,
Хурӯш омаду хоки диж бардамид.

Ҳамон гаҳ ба фармони Яздони пок
Аз он бораи диж баромад тарок.

Ту гуфтӣ, ки раъд аст андар баҳор,
Хурӯш омад аз дашту аз[6] кӯҳсор.[7]

Ҷаҳон гашт чун рӯи зангӣ сиёҳ,
На хуршед пайдо, на парвину моҳ.[8]

1. Л – Варо.
2. М – Варо.
3. ЛМ – Инонро бигардону он ҷо мамон.
4. И – ҷони.
5. ЛМ – Ба фарри ҷаҳонҷӯи хусравнажод.
6. Л – дашт в-аз.
7. И – б. 1384, 1385 нест.
8. И – Чи аз бораи диж, чи гарди сипоҳ.

www.sattor.com

Ту гуфтӣ баромад яке тира абр,
Ҳаво шуд ба кирдори коми ҳизабр.

Барангехт Кайхусрав аспи сиёҳ,
Чунин гуфт бо паҳлавони сипоҳ,

Ки «Бар диж яке тир борон кунед,
Камонро[1] чу абри баҳорон кунед».

Баромад яке меғи бориштагарг,
Татарге, ки бар дорад[2] аз абр марг.

Зи девон басе шуд ба пайкон ҳалок,
Басе заҳракафта*[3] фитода ба хок.

В-аз он пас яке равшанӣ бардамид,
Шуд он тирагӣ сар ба сар нопадид.

Баромад яке боди боофарин,
Ҳаво гашт хандону рӯи замин.

Ҷаҳон шуд ба кирдори тобанда моҳ
Ба номи ҷаҳондору аз фарри шоҳ.

Бирафтанд девон ба фармони шоҳ,
Дари диж падид омад он ҷойгоҳ.

Ба диж-дар шуд*[4] он шоҳи озодагон
Або пир Гударзи Кашводагон.

Яке шаҳр дид андар он диж фарох,
Пур аз боғу майдону айвону кох.

1. И – Ҳаворо.
2. Л – дошт.
3. М – з-оҳари ман.
4. М –рафт.

www.sattor.com

Дар он ҷо, ки он равшанӣ бардамид,
Шуд он тирагӣ сар ба сар[1]*[2] нопадид.

Бифармуд Хусрав бад-он ҷойгоҳ[3]
Яке гунбаде то ба абри сиёҳ,[4]

Дарозову паҳнои он[5] даҳ каманд,
Ба гирд-андараш тоқҳои баланд,

Зи берун чу ним аз таги тозиасп
Бароварду бинҳод озаргушасп,

Нишастанд гирд-андараш мӯбадон,
Ситорашиносону ҳам бихрадон.

Дар он шорсон кард чандон диранг,
Ки оташкада гашт бо бӯю ранг.

Чу як сол бугзашт, лашкар биронд,
Буна барниҳоду сипаҳ барнишонд.

БОЗ ОМАДАНИ КАЙХУСРАВ БА ФИРӮЗӢ

Чу огоҳӣ омад ба Эрон зи шоҳ
Аз он эзадӣ фарру он дастгоҳ,

Ҷаҳоне фурӯ монда андар шигифт,
Ки Кайхусрав он фарру боло гирифт.

Ҳама меҳтарон як ба як бо нисор
Бирафтанд шодон бари шаҳрёр.

1. Л – Бад-ӯ гуфт з-ин тирагӣ шуд ҳама.
2. М – Сари бораи тез шуд нопадид.
3. Л – ба эронсипоҳ.
4. Л – сар ба чарху ба моҳ.
5. Л – ӯ.

www.sattor.com

Фарибурз пеш омадаш бо гурӯҳ,
Аз Эрон сипоҳе ба кирдори кӯҳ.

Чу дидаш, даромад зи Гулранг зер
Ҳам аз пушти Шабранг шоҳи далер.[1]

Бибӯсид рӯяш[2] бародарпадар,
Ҳам он ҷо бияфканд тахте зи*[3] зар.[4]

Бар он тахти пирӯза биншондаш,
Ба шоҳӣ бар ӯ[5] офарин хондаш.

Нишаст аз бари тахти зар шаҳрёр,
Ба сар-бар яке тоҷи гавҳарнигор.[6]

Ҳамон Тус бо ковиёнӣ дурафш
Ҳаме рафт бо кӯсу зарринакафш.

Биёварду пеши ҷаҳонҷӯй бурд,
Заминро бибӯсиду ӯро супурд.

Бад-ӯ гуфт, к-«Ин кӯсу зарринакафш,
Ҳуҷаста ҳамин[7] ковиёнӣ дурафш,

Зи лашкар бубин, то сазовор кист,
Яке паҳлавон аз дари кор кист,

Бад-ӯ деҳ, ки моро аз ин моя бас,
Гунаҳкардаро умр сармоя бас».

1. И – б. 1409 нест.
2. И – рӯи.
3. М – ба.
4. И – Чу дидаш, фурӯ омад аз тахти зар.
5. И – Чу биншаст шоҳ.
6. И – б. 1412 нест.
7. ЛМ – Ба некахтарӣ.

www.sattor.com

Зи гуфторҳо пӯзиш овард пеш,
Бупечид аз он беҳуда рои хеш.

Ҷаҳондори*[1] пирӯз бинвохташ,
Бихандиду бар тахт биншохташ.

Варо гуфт, к-«Ин ковиёнӣ дурафш,
Ҳам ин паҳлавониву зарринакафш[2]

Набинам сазои касе дар сипоҳ,
Туро зебад ин ному[3] ин дастгоҳ.

Ҷуз аз ту касеро созовор нест,
Ба дил-дар маро аз ту озор нест.[4]

Туро пӯзиш акнун наёяд ба кор,
На бегонаро хостӣ шаҳрёр».[5]

В-аз он ҷо сӯи Порс[6] бинҳод рӯй
Ҷавонбахту[7] бедору дайҳимҷӯй.

Чу з-ӯ огаҳӣ ёфт Ковуси кай,
Ки омад зи раҳ пури фархундапай,[8]

Пазира шудаш бо рухи арғавон.
Зи шодӣ дили пир гашта ҷавон.[9]

---

1. М – Ҷаҳонгири.
2. И – б. 1414 – 1420 нест.
3. Л – кору.
4. И – б. 1422 нест.
5. Л – Пас аз б. 1423 ин б. омада:
   Ниҳоданд паймону аҳде тамом,
   Бар ӯ кард лашкар ба шоҳӣ салом.
6. Л – кох; И – сӯи паҳлавӣ.
7. Л – Ҷавон буду.
8. Л – Ба наздики Ковуси фархундапай.
9. ТПЛ – Диле шод аз аспон фуруд омаданд,
   Ҳама бо нисору дуруд омаданд.

www.sattor.com

Чу аз дур Хусрав ниёро бидид,
Бихандиду шодон дилаш бардамид.

Пиёда шуду бурд пешаш намоз.
Ба дидори ӯ буд ниёро ниёз.

Бихандиду ӯро ба бар даргирифт,
Ситоиш сазовори ӯ баригирифт.[1]

Ки[2] пирӯз баргашт шер аз набард,
Дилу дидаи душманон хира[3] кард.[4]

В-аз он ҷо сӯи кох рафтанд боз
Ба тахти ҷаҳондори дайҳимсоз,

БАР ТАХТИ ШОҲӢ НИШОНИДАНИ КОВУС ХУСРАВРО

Ба шодӣ[5] зи аспон фуруд омаданд,
Забону равон пурдуруд омаданд.

Бишуд Хусраву дасти Ковусшоҳ
Бибӯсиду молид рухро ба гоҳ.

В-аз он пас ниё дасти ӯро ба даст
Гирифту бибурдаш ба ҷои нишаст.

---

1. И – б. 1427 – 1429 нест.
2. Л – Чу.
3. Л – тира.
4. ТПЗ – Бад-ӯ шоҳ Ковус хонд офарин
Бад -он хуб дидору он фарру дин.
Бад-он бурзу он фарраи эздӣ,
Бар он зеби аврангу он бихрадӣ.
Чунин гуфт, к «Эй кирдгори сипеҳр,
Худованди моҳу худованди меҳр,
Ки кардӣ маро з-ин ҷаҳон некном,
Бад-ин хубчеҳра шудам шодком».
5. ЛМ – Чу шоҳон.

www.sattor.com

Нишондаш дилафрӯз бар ҷои хеш,
Зи ганҷур тоҷи каён хост пеш.[1]

Бибӯсиду бар сар-ш бинҳод тоҷ,
Ба курсӣ шуд аз моявар[2] тахти оҷ.

Зи ганҷаш забарҷад нисор оварид,
Басе гавҳари шоҳвор оварид.

Басе офарин бар Сиёвуш бихонд,
Ки Хусрав ба чеҳра ҷуз ӯро намонд.

Зи паҳлӯ бирафтанд пурмоягон,
Сипаҳбад сарону гаронсоягон.[3]

Ба шоҳӣ бар ӯ офарин хонданд,
Ҳама зарру*[4] гавҳар барафшонданд.

Ҷаҳонро чунин аст созу ниҳод,
Зи як даст бистад, ба дигар бидод.

Ба дардем аз ин рафтан андар фиреб,
Замоне фарозу замоне нишеб.

Агар дил тавон доштан шодмон,
Ҷуз аз шодмонӣ макун, то тавон![5]

---

1. ТПИ – ба ҷои б. 1433 – 1435 ин б. омада:
   Чу Ковус бар тахти заррин нишаст,
   Гирифт он замон дасти Хусрав ба даст,
   Биёварду биншонд бар ҷои хеш,
   Зи ганҷур тоҷи каён хост пеш.
2. Л – номвар.
3. Л Жул Мул-гаронсоягон – гаронсолагон.
4. М – дурру.
5. ТПЛМ – Бимон, эй писар, дар ҷаҳон ҷовидон.*
   * Л – шодмон.

www.sattor.com

Ба хубӣ[1] биёрою бешӣ бубахш,
Макун рӯзро бар дили хеш пахш.[2]

1445 Бихур, ҳар чӣ дорӣ, фузунӣ бидеҳ,
Ту ранҷидаӣ, баҳри душман манеҳ!

Туро доду фарзандро ҳам диҳад,
Ҳамон шох, к-аз*[3] бехи ту барҷаҳад.

Набинӣ, ки гетӣ пур аз хостаст,
Ҷаҳоне ба хубӣ биёростаст.[4]

Камӣ нест дар бахшиши додгар,
Ҳаме шодӣ орою[5] андуҳ мах(в)ар.

1. Ил – хушшӣ.
2. ИЛ – рахш.
3. М – Дарахте, ки аз.
4. Л – Пас аз б. 1447 ин б. омада:
   Хирадмандро бахшиши додгар
   Фузунӣ наҷустаст аҳли ҳунар.
5. Л – Фузунӣ наёбӣ ту.

www.sattor.com

КАЙХУСРАВ

Подшоҳии Кайхусрав шаст сол буд

ОҒОЗИ ДОСТОН

Сухан ронд гӯё[1] бар ин достон,
Дигар гӯяд аз гуфтаи бостон,

Ки Хусрав чӣ гуна нишинад ба гоҳ,
Чӣ гуна фиристад ба Турон сипоҳ.

Гар аз бахшиши кирдгори сипеҳр
Маро зиндагӣ монаду тоза чеҳр,

Бимонам ба гетӣ яке достон
Аз ин номаи номвар бостон.[2]

---

1. Л –бояд.
2. ИЛ – б. 2 – 4 нест.
   ТПЗИ – Сипаҳдор бар тахти фирӯз шод
   Ҳаме буд бо сарфарозони род.
   Пароканда шуд лашкари сарфароз,
   Ҳама мояи шодиву кому ноз.
   Ҷаҳонҷӯй бар тахти шоҳаншаҳӣ
   Нишаста фурӯзон або фарраҳӣ.
   Дили думанон гашт аз вай дуним,
   Дили дӯстон пур зи уммеду бим.
   Ба гардуни гардон кулаҳ барфарохт,
   Ҳама шодмонӣ зи Яздон шинохт.
   Ду баҳра зи шаб шоҳи фархундадин
   Забонро напардохтӣ з-офарин.
   Ба пеши ҷаҳондори довар ба пой
   Ҳаме буду мегуфт, к-эй раҳнамой,
   Зи доми балоям ту кардӣ раҳо,
   Биҷастам зи чангу дами аждаҳо.
   Баландӣ ту додӣ, бидеҳ зӯру фар,
   Ки хоҳам аз ӯ боз хуни падар.
   Аз ӯву зи Гарсевазу аз Гурӯй
   Кунам хун равону бимолам ба рӯй.
   Дили пир Ковус шодон кунам,
   Равони Сиёвуш фурӯзон кунам,

www.sattor.com

Ба полез чун баркашад сарв шох,
Сари сабзшохаш бароянд[1] ба кох.

Ба болои ӯ шод бошад дарахт,
Чу бинад-ш бинодилу некбахт.

Дили рӯзгораш ҳаме парварад,
Ҷаҳоне зи кирдори ӯ бар х(в)арад.

Агар подшоҳӣ бувад дар гуҳар,
Бибояд, ки некӣ кунад тоҷвар.[2]*[3]

Сазад, гар гумоне барад бар се чиз,
К-аз ин се гузаштӣ, чаҳор аст низ,

Ҳунар бо нажод асту бо гавҳар аст,
Се чиз асту ҳар се ба банд-андар аст.

Ҳунар кай бувад, то набошад гуҳар,
Нажода касе дидаӣ беҳунар?!

Гуҳар он, ки аз[4] фарри Яздон бувад,
Наёзад ба бад дасту бад нашнавад.

Нажод, он ки бошад зи тухми падар,
Сазад, к-ояд аз тухми покиза бар.

Ҳунар он ки омӯзӣ аз ҳар касе,
Бикӯшиву печӣ зи ранҷаш басе.

Ба шабҳо зи бас, к-ин сухан гуфта шуд,
Ниёиш ҳамон гаҳ пазируфта шуд.

1. Л – сабзшох андарояд.
2. И – б. 7, 8 нест; Л – б. 8 нест.
3. М – б. 9 нест.
4. Л – бо. И – он чи аз.

www.sattor.com

Аз ин ҳар ки[1] гавҳар бувад моядор,
Ки зебо бувад[2] хилъати кирдгор.

Чу ин ҳар се ёбӣ,[3] хирад боядат,
Шиносандаи неку бад боядат,

Чу ин чор бо як тан ояд ба ҳам,
Биёсояд аз озу*[4] аз[5] ранҷу ғам[6]

Магар марг, к-аз марг худ чора нест,
В-аз ӯ тезтар тезпатёра[7] нест.

Ҷаҳонҷӯй аз ин чор шуд бениёз,
Ҳамаш бахт созанда буд аз фароз.

ОФАРИН КАРДАНИ МЕҲТАРОН КАЙХУСРАВРО

Чу Кайхусрави шоҳ бар гоҳ шуд,
Ҷаҳон яксар аз кораш огоҳ шуд.[8]

Нишаст аз бари тахти шоҳаншаҳӣ,
Ба сар барниҳод он кулоҳи меҳӣ.[9]

Бигустурд гирди ҷаҳон додро,
Биканд аз замин бехи бедодро.

---

1. ИЛ – се.
2. ИЛ – тан ёбад аз.
3. М – дарду.
4. ИЛМ – Чу ҳар се биёбӣ.
5. Л – дард в-аз.
6. И – б. 17 нест.
7. Л – ҳавлтар бими патёра.
8. И – пеш аз б. 20 ин б. омада:
   Кунун боз гардам ба оғози кор,
   Ки чун буд кирдори кай, шаҳрёр.
9. ЛИ – пас аз б. 21 ин б. омада:
   Чу тоҷи бузургӣ ба сар барниҳод,
   Аз ӯ шод шуд тоҷ, ӯ низ шод.

www.sattor.com

Куҷо буд аз гетӣ озодае,
Худованди тоҷу каёнзодае,

Ҳам аз шоҳи гетиву комоварӣ,
Бад-ӯ омада, ҳар чи номоварӣ.

Набуд дар ҷаҳон кас ба ҳангоми ӯй,
Куҷо сар наёвард дар доми ӯй.[1]

Ҳар он ҷо, ки вайрон буд,[2] обод кард,
Дили ғамгинон аз ғам озод кард.

Аз абри баҳорӣ[3] биборид нам,
Зи рӯи замин занг биздуду ғам.

Замин чун биҳиште шуд ороста,
Зи доду зи бахшиш пур аз хоста.[4]

Ҷаҳон шуд пур аз хубиву эманӣ,
Зи бад баста шуд дасти аҳриманӣ.

Фиристода омад зи ҳар кишваре,[5]
Зи ҳар номдореву ҳар меҳтаре[6]

Чу[7] огоҳӣ омад сӯи Нимрӯз,
Ба назди сипаҳдори гетифурӯз,

---

1. ТПЗИЛ – Ҷаҳон гашт* пурчашмаву рӯди об,
Сари ғамгинон андаромад ба хоб.
* Л – гашта.
2. ИЛ – Ба ҳар ҷой вайронӣ.
3. ИЛ – баҳорон.
4. ТПЗИЛ – Чу Ҷамму Фаридун биёрост гоҳ,
Зи доду зи бахшиш наёсуд шоҳ.
5. ИЛ – Фиристодае омад аз ҳар сӯе.
6. ИЛ – паҳлӯе.
7. ИЛМ – Пас.

www.sattor.com

Ки бар тахт биншаст фархунда кай
Ба чархи бузургӣ барафканда пай.[1]

Бихонд ӯ сипоҳаш зи ҳар ҷойгоҳ,
Бад-он то намояд парастиш ба шоҳ.

Таҳамтан сӯи шоҳ бинҳод рӯй
Або шодкомиву бо рангу бӯй.[2]

Або Золи Соми Наримон ба ҳам
Бузургони Кобул ҳама бешу кам,

Сипоҳе, ки шуд дашт чун обнӯс,
Бидаррид гӯши палангон зи[3] кӯс.

Ба пеш-андарун Зол бо анҷуман,
Дурафши бунафш аз паси пилтан.

Чу огоҳӣ омад ба наздики шоҳ,
Ки омад ба раҳ Рустами некхоҳ.[4]

Яке кишвар аз ҷой бархостанд,
Пазира шуданро биёростанд.

Дили шоҳ шуд з-он сухан шодмон,
Сароядаро гуфт: «Обод мон!

Ки ӯяст[5] парвардгори падар,
В-аз ӯяст пайдо ба гетӣ ҳунар».

---

1. И – Ки Хусрав зи Турон ба Эрон расид,
Нишаст аз бари тахт, ӯро сазид.
2. Л – б. 32 -34 нест. И – б. 34 нест.
3. Л – дилро аз овои.
4. Л – б. 38 нест.
5. Л – буд.

www.sattor.com

Бифармуд, то Геву Гударзу Тус
Бирафтанд бо нои сарғину[1] кӯс.

Табира баромад зи даргоҳи шоҳ,
Ҳама[2] барниҳоданд гурдон кулоҳ.

Зи паҳлӯ ба паҳлӯ пазира шуданд,
Ҳама бо дурафшу табира шуданд.

Пазира шудандаш ба дурӯза[3] роҳ
Ҷаҳонпаҳлавонону чандон[4] сипоҳ.

Дурафши Таҳамтан[5] чу омад падид,
Ба хуршед гарди сипаҳ баркашид[6]

Хурӯш омаду нолаи бӯқу кӯс,
Зи қалби сипаҳ Геву Гударзу Тус

Ба пеши гави пилтан тохтанд,
Зи шодӣ бар ӯ офарин сохтанд,

Гирифтанд ҳар се маро[7] дар канор,
Бипурсид шеравжан аз шаҳрёр.

Зи Рустам сӯи Золи Сом омаданд,
Кушодадилу шодком омаданд.

Ниҳоданд сӯи Фаромарз рӯй,
Гирифтанд шодӣ ба дидори ӯй.

1. И – рӯину.
2. И – Ба сар.
3. ИЛМ – Бирафтанд пешаш ба ду рӯз роҳ.
4. И – Чунин паҳлавонону чанде.
5. Л – сипаҳбуд.
6. Л – бардамид.
7. Л – ҳар як дигар.

www.sattor.com

В-аз он ҷойгаҳ сӯи шоҳ омаданд,
Ба дидори фаррухкулоҳ омаданд.

Чу Хусрав гави пилтанро бидид,
Сиришкаш зи мижгон ба рух барчакид.

Фуруд омад аз тахту кард офарин,
Таҳамтан бибӯсид рӯи замин.

Ба Рустам чунин гуфт, к-«Эй паҳлавон,
Ҳамеша бизӣ шоду равшанравон!

Ки парвардгори Сиёвуш туӣ,
Ба гетӣ хирадманду хомуш туӣ».

Сари Золи Зарро ба бар даргирифт,
Зи баҳри падар даст бар сар гирифт.

Гавонро ба тахти каӣ барнишонд,
Бар эшон ҳама номи Яздон бихонд.

Нигаҳ кард Рустам саропои ӯй,
Нишасту сухан гуфтану[1] рои ӯй.

Рухаш гашт пурхуну дил пур зи дард,
Зи кори Сиёвуш басе ёд кард.

Ба шоҳи ҷаҳон гуфт, к-«Эй шаҳрёр,
Ҷаҳонро туӣ аз падар ёдгор.

Надидам ман андар ҷаҳон тоҷвар[2]
Бад-ин фарру монандагӣ бо падар».[3]

1. ИЛ – сухангуфтану.
   *1 М – рухсора зард.
2. Л – номвар.
3. Л – Бад-он фарру озодагии падар.

www.sattor.com

В-аз он пас чу аз тахт бархостанд,
Ниҳоданд хону май оростанд.

Ҷаҳондор то нимаи[1] шаб нахуфт,
Гузашта суханҳо ҳама[2] боз гуфт.

ГАРДИДАНИ КАЙХУСРАВ ГИРДИ ПОДШОҲӢ

Чу хуршед шамшери рахшон кашид,
Шаби тираро гашт сар[3] нопадид,

Баромад зи даргоҳ овози[4] ной,
Бузургон сӯи шоҳ карданд рой.[5]

Чу Тусу чу Гударзу Геви далер,
Чу Гургину Густаҳму Руҳҳоми[6] шер.[7]

Гаронмоягон назди шоҳ омаданд,
Бад-он номвар боргоҳ омаданд.

Чу анбӯҳ гаштанд бар пешгоҳ,
Чунон гуфт шоҳи ҷаҳон бо сипоҳ,

Ки «Хоҳам, ки бинам саросар замин
Ҳама марзи Эрони боофарин.

Бипӯем бар сони рои шикор,
Ба шодӣ гузорем як рӯзгор.

---

1. ИЛ – нима аз.
2. Л – Ҳаме.
3. Л Жул Мул – тира аз бим шуд.
4. Л – овои.
5. И – б. 66 нест.
6. ИЛ – Баҳроми.
7. ТПЗ Мул Мул – Чу Руҳҳому чун Бежани тезчанг,
Чу Ашкаш яли номбардори ҷанг.
Ҳамоно Фарибурзи Ковусшоҳ,
Ҳамон Зангаи гурди бодастгоҳ.

www.sattor.com

Бад-ин рой гаштанд яксар меҳон,
Ки пӯянду бинанд баҳр аз ҷаҳон.[1]*[2]

Ба нахчир шуд шаҳрёри ҷаҳон[3]
Або номвар Рустами паҳлавон.

Зи лашкар бирафтанд озодагон,
Чу Геву чу Гударзи Кашводагон,

Чу Шопуру Баҳроми шамшерзан,
Чу Гургину чун Бежани тирзан.

Чу Фарҳоду чун Зангаи Шоварон,
Гуроза, ки ӯ буд зи ҷанговарон.[4]*[5]

Сипоҳе, ки шуд тира хуршеду моҳ
Зи бас ҷавшану хӯду гурзу[6]*[7] кулоҳ.

Аз афканданахчир бе роҳу роҳ
Пур аз куштагон гашт чун размгоҳ.[8]

Ҳама буми Эрон саросар бигашт,
Ба ободу вайронӣ андар гузашт.

Ҳар он буму бар, к-он на обод буд,
Табаҳ буду вайрон зи бедод буд,

Дирам доду обод кардаш зи ганҷ,
Зи доду зи бахшиш наёмад ба ранҷ.

1. ИЛ – б. 69-72 нест.
2. М – б. 69-72 нест.
3. ИЛ – ҷавон.
4. ИЛ – б. 75, 76 нест.
5. М – б. 74-77 нест.
6. Л – теғу хӯду; И – хӯду таргу.
7. М – теғу тиру.
8. ИЛ – б. 78 нест.

www.sattor.com

Ба ҳар шаҳр биншасту бинҳод тахт,
Чунон чун бувад мардуми некбахт.

Ҳамон бадраву ҷоми май хостӣ,
Ба динор гетӣ биёростӣ.

В-аз он ҷо сӯи шаҳри дигар шудӣ,
Ҳамон бо маю тахту афсар шудӣ.

Чунин то дари Озарободагон
Бишуд бо бузургону озодагон.

Ҳаме хӯрд бода, ҳаме тохт асп,
Биёмад сӯи хони Озаргушасп.

Ба оташкада-бар ниёиш гирифт,
Ҷаҳонофаринро ситоиш гирифт.

Биёмад хиромон аз он ҷойгоҳ,
Ниҳоданд сар сӯи Ковусшоҳ.

Нишастанд бо ӯ ба ҳам шодмон,
Набуданд ҷуз шодмон як замон.

Чу пур шуд сар аз ҷоми равшангулоб,
Ба хобу ба осоиш омад шитоб.

www.sattor.com

ПАЙМОН БАСТАНИ КАЙХУСРАВ БО КОВУС АЗ КИНИ АФРОСИЁБ

Чу рӯзи дурахшон[1]*[2] баровард чок,
Бигустурд ёқут бар тира хок,

Ҷаҳондор биншасту Ковуси кай –
Ду шоҳи сарафрозу ду некпай

Або Рустами гурду Дастон ба ҳам
Ҳаме гуфт Ковус ҳар бешу кам.

Аз Афросиёб андаромад нахуст,
Ду рухро ба хуни ду дида бишуст.

Бигуфт, он ки ӯ бо Сиёвуш чи кард,
Чи гуна аз Эрон[3] баровард гард.

Басо паҳлавонон, ки беҷон шуданд,
Зану кӯдаки хурд печон шуданд,

Басе шаҳр бинӣ аз Эрон хароб,
Табаҳ гашта аз ранҷи Афросиёб.

Туро эзадӣ ҳар чӣ бояд-т, ҳаст
Зи мардону аз донишу зӯри даст.

Зи фарри бузургиву[4] некахтарӣ,
Зи шоҳон ба ҳар гавҳаре бартарӣ.

Кунун аз ту савганд хоҳам яке,
Набояд, ки печӣ зи дод андаке.

1. Л – дурафшон.
2. Ж - Мул – меҳри дурафшон.
3. И – Аз Эрон саросар.
4. ИЛ – тамомиву.

www.sattor.com

Ки пуркин кунӣ дил зи Афросиёб,
Дами оташ андарнаёрӣ ба об.

Ба хешии модар бад-ӯ награвӣ,
Напечиву гуфти касе нашнавӣ.

Ба ганҷу фузунӣ нагирӣ фиреб,
Ба пеш ар фароз оядат ё нишеб.

Ба гурзу ба теғу ба тахту[1] кулоҳ,
Ба гуфтор бо ӯ нагардӣ зи роҳ.

Бигӯям, ки бунёди савганд чист,
Хирадрову ҷони туро банд чист?[2]

«Бигӯӣ ба додори хуршеду моҳ,
Ба тоҷу ба тахту ба мӯҳру кулоҳ.[3]

Ба доди*[4] Фаридуну оину роҳ,
Ба хуни Сиёвуш, ба ҷони ту, шоҳ.[5]

Ба фарру ба некахтари эзадӣ,
Ки ҳаргиз напечӣ ба сӯи бадӣ.

Миёнҷӣ нахоҳӣ ба ҷуз теғу гурз,
Маниш бурз дорӣ зи болои бурз».

Чу бишнид аз ӯ шаҳрёри ҷавон,
Сӯи оташ овард рӯю равон.

---

1. И – ганҷу ба теғу ба мӯҳру.
2. Л – нест.
3. ТПЗИ – Ба шамшери гурдони бодору бард,
Ба рӯзи сапеду шаби лоҷвард.
4. М –ёди.
5. Л –б. 107 нест.

www.sattor.com

Ба додори доранда савганд х(в)ард,
Ба рӯзи сапеду шаби лоҷвард.

Ба хуршеду моҳу ба тахту кулоҳ,
Ба мӯҳру ба теғу ба дайҳими шоҳ,[1]

Ки ҳаргиз напечам сӯи меҳри ӯй,
Набинам ба хоб-андарун чеҳри ӯй.»[2]

Яке хат навиштанд бар[3] паҳлавӣ
Ба мушк аз бари дафтари хусравӣ.

Гуво кард[4] Дастону Рустам бар он,[5]
Бузургони лашкар ҳама ҳамчунон.[6]

---

1. ТПЗИ – Набошам бар он раҳ, ки ӯ рафтааст,
К-аз оини ӯ ҷонам ошуфтааст.
Бикӯшам ба хуни падар хостан,
Дилу ҷон бад-ин кина оростан.
Миёнро бубандам бад-ин кор сахт,
Магар ёр бошанд гардуну бахт.*
Наёсоям аз ҷанги ӯ як замон,
Магар кори дигар шавад з-осмон.
На хушну шавам з-ӯ ба тахту кулоҳ,
На ором гирам ба бегоҳу гоҳ.
Магар, к-ӯ** зи рӯи замин кам шавад,
Равони Сиёвахш*** хуррам шавад.
Бар инам в-аз ин барнагардам ба дил,
Ҳаме то бувад дар ҷаҳон обу гил.
Бар ин гуфтаи ман гувоҳӣ диҳед,****
Хирадро бар ин подшоҳӣ диҳед.*****

* И –б. 3 нест. ** И – Ҳаме то. *** И –Сиёвуш. **** И –диҳанд. ***** И –диҳанд.

2. ТПЗ – Ба ҷону хирад, б-осмону замин,
Ба теғу ба гурзу ба меҳру ба кин.
Ба паймони мӯбад, ба аҳди равон,
Ба гуфтори бедордил бихрадон.
3. Л –навишт он замон.
4. ИЛ –буд.
5. ЛМ –бад-ин; И –бар ин.
6. ИЛМ ҳамчунин. З-пас аз б. 115 ин б. омада, ки маънирo комилтар мекунад:
Чу бишнид аз ӯ шаҳрёри ҷавон,
Сӯи оташ овард рӯи равон.

www.sattor.com

Ба зинҳор дар[1] дасти Рустам ниҳод,
Чунин аҳду[2] савганду ин расму[3] дод.[4]

В-аз он пас ҳаме хони[5] май хостанд,
Дигаргуна маҷлис биёростанд.

Бибуданд як ҳафта бо руду май
Бузургон дар айвони Ковуси кай.

Ҷаҳондор ҳаштум сару тан бишуст,
Биёсуду ҷои ниёиш биҷуст.

Ба пеши[6] худованди гардонсипеҳр
Бирафт,[7] офаринро бигустард[8] меҳр.

Шаби тира то баркашид офтоб,
Хурӯшон ҳаме буд дида пуроб.

Ҳаме гуфт,[9] к-эй додгар як Худой,
Ҷаҳондору рӯзидиҳу раҳнамой,[10]

Ба рӯзи ҷавонӣ ту кардӣ раҳо
Маро бесипоҳ аз дами аждаҳо.

Ту донӣ, ки солори туронсипоҳ
На парҳез дорад, на тарс аз гуноҳ.

---

1. И –бар.
2. ЛМ хатту.
3. И –оину.
4. ТПЗ – Бузургон ҳама офарин хонданд,
   Шигифтӣ зи фарраш фурӯ монданд.
5. И –ҷойгаҳ хону.
6. ЛМ –назди.
7. Л –Бар ӯ.
8. Л –бигустурду.
9. ИЛМ –Чунин гуфт.
10. ТПЗ – Тавоно туӣ бар ҳама корҳо,
    Ту осон кунӣ ранҷу тиморҳо.

www.sattor.com

Ба вайрону обод нафрини ӯст,
Дили бегунохон пур аз кини ӯст.[1]

Бар ин марзи боарз оташ бирехт,
Ҳама хоки ғам бар далерон бубехт.

Ба бедод хуни Сиёвуш ба хок
Ҳаме рехт, то[2] ҷони мо кард чок.[3]

Дили шаҳрёрон пур аз бими ӯст,
Балои ҷаҳон[4] тахту дайҳими ӯст.

Ту донӣ, ки ӯро зи бад гавҳар аст,
Ҳамон баднажод асту афсунгар аст.[5]

Фаровон бимолид рух бар замин,
Ҳаме хонд бар кирдгор офарин.

В-аз он ҷойгаҳ шуд сӯи тахт боз,
Бари паҳлавонони гарданфароз.

Чунин гуфт, к-«Эй номдорони ман,
Далерону[6] ханҷаргузорони ман,

---

1. ТПЗ – Ҳамон низ солори туронсипоҳ
Зи авҷи фалак барфарозад кулоҳ.
*1 М –ҳаме.
2. Л –ӯ.
3. И –б. 127 нест.
4. И –Бало бар замин.
5. ТПЗИЛ –Надорад дилаш хешие бо хирад,
Ба бедод ҷонро ҳаме парварад.
Ҳаме рои бад бошад оини ӯй,
Харобӣ бувад дар ҷаҳон дини ӯй.
Зи хӯи бадаш дида гирён шавад,
Зи дасташ дили хаста бирён шавад.
Ба кини* падар бандаро даст гир,
Бубахшой бар ҷони Ковуси пир.**
*Л –хуни. ** ИЛ –танҳо б. охир мавҷуд аст.
6. ИЛМ –Ҷаҳонгиру.

www.sattor.com

Бипаймудам ин буми Эрон бар асп,
Аз ин марз то хони Озаргушасп.

Надидам касеро, ки дилшод буд,
Тавонгар буд, ар бумаш обод буд.

Ҳама хастагонанд з-Афросиёб,
Ҳама дил пур аз хуну дида пуроб.

Нахустин ҷигархастаи ӯ манам,
Ки пурдард аз ӯяст ҷону танам.

Дигар чун ниё шоҳи озодамард,
Ки аз дил ҳаме баркашад боди сард.[1]

Ба Эрон зану мард аз ӯ пурхурӯш
Зи бас куштану ғорату ҷангу ҷӯш.

Кунун, гар ҳама вижа ёри манед,
Ба дил сар ба сар дӯстдори манед,

Ба кини падар баст хоҳам миён,
Бигардонам ин бад зи эрониён.

Агар ҳамгинон боз ҷанг оваред,[2]
Бикӯшеду[3] расми паланг оваред,[4]*[5]

1. ТПЗ - Чӣ бад дар ҷаҳон буд, ки бо мо накард,
Ҳамон бар Сиёвахш зинҳор х(в)ард.
Ба духтар аз ӯ ранҷу сахтӣ расид,
Миёни бародар ба ханҷар бурид.
Дигар Нӯзар - он шоҳи озодмард
Ба ханҷар сарашро зи тан дур кард.
2. Л –оваранд.
3. Л –Бикӯшанду.
4. Л –оваранд.
5. М – Ҳама ҳамгинон боз ҷанг оварем,
Бикӯшему расми паланг оварем.

www.sattor.com

Маро ин ҳам аз пеш берун шавад,
Зи ҷанги ялон кӯҳ ҳомун шавад.[1]

Ҳар он хун, ки ояд бар ин рехта,
Гунаҳкор ӯясту овехта.

Агар кушта ояд касе з-ин сипоҳ,
Биҳишти баринаш[2] бувад ҷойгоҳ.

Чӣ гӯеду инро чӣ посух диҳед?
Ҳама яксара рои фаррух ниҳед.[3]

Бидонед, к-ӯ шуд ба бад пешдаст,
Мукофоти ин бад[4]*[5] нашояд нишаст».[6]

Бузургон ба посух биёростанд,
Ба дарди дил аз ҷой бархостанд.

Бигуфтанд, к-«Эй шоҳ, дил шод дор,*[7]
Ҳамеша дил[8] аз ранҷ озод дор.[9]*[10]

---

1. ТПЗ - Ба Эрон мадоред дилро ба базм,
Ба Турон супоред ҷонро ба разм.
Зи Турон бигардонам он тоҷу гоҳ,
Аз ин пас мар ӯро нахонанд шоҳ.
Бубандед доман як андар дигар
Ба фармони Яздони фирӯзгар.
2. И –баландаш.
3. И –диҳед.
4. И –бадро.
5. М –Мукофот бояд.
6. ТПЗ – Гар ин гуфта дод аст, раҳ биспаред,
В-агар нест, аз хотирам бистуред.
7. М –дилшод бош.
8. ЛМ –тан.
9. И – Ки эй номдоро, ҷаҳоншод бош,
Ҳамеша зи ранҷу ғам озод бош!
10. М –бош.

www.sattor.com

Тану ҷони мо сар ба сар пеши туст,
Ғаму шодмонӣ каму беши туст.

Зи модар ҳама маргро зодаем,
Ҳама бандаем, арчи озодаем».

Чу посух чунин ёфт аз анҷуман,
Зи Тусу зи Гударз в-аз Пилтан,

Рухи шоҳ шуд чун гули арғавон,
Ки давлат ҷавон буду хусрав ҷавон.

Бар эшон фаровон бихонд офарин,
Ки обод бодо ба гурдон замин!

ШУМУРДАНИ КАЙХУСРАВ ПАҲЛАВОНОНРО

Бигашт андар ин низ чанде сипеҳр,[1]
Чу*[2] аз хӯша бинмуд хуршед чеҳр.

Зи паҳлӯ ҳама мубадонро бихонд,
Суханҳои боиста чанде биронд.

Ду ҳафта дари бордодан бубаст,
Ба наввӣ яке дафтар андаршикаст.

Бифармуд Хусрав[3] ба рӯзидиҳон,
Ки гӯянд номи кеҳону меҳон.

Сазовор бинвишт номи гавон,
Чунон чун бувад дархури паҳлавон.

Нахустин зи хешони Ковуси кай
Саду даҳ сипаҳбад фиканданд пай.

1. ИЛ –гардонсипеҳр.
2. М –Ки.
3. ИЛ –мӯбад.

www.sattor.com

Фарибурзи Ковусашон пешрав,
Кучҷо буд пайвастаи шоҳи нав.[1]

Гузин кард ҳаштод тан нӯзарӣ,
Ҳама гурздору ҳама лашкарӣ.

Зараспи сипаҳбад нигаҳдорашон,
Ки бурдӣ ба ҳар кор тиморашон,

Ки тоҷи каён буду фарзанди Тус
Худованди кӯполу шамшеру кӯс.

Се дигар чу Гударзи Кашвод буд,
Ки лашкар ба рои вай обод буд.

Наберу писар дошт ҳафтоду ҳашт,
Далерони кӯҳу саворони*[2] дашт,

Фарозандаи ахтари ковиён,
Фурӯзандаи тахту бахти каён.*[3]

Чу шасту се аз тухмаи Гаждаҳам
Бузурону солорашон Густаҳам.

Зи[4] хешони Мелод чун[5]*[6] сад савор,
Чу Гургини пирӯзгар,[7] моядор.

Зи тухми Тавоба чу ҳаштоду панҷ
Саворони разму нигаҳдори[8] ганҷ.

1. ТПЗ – Ҳар он, к-ӯ зи тухми Манучеҳр буд,
Дилу ҷонаш аз Тус пурмеҳр буд.
2. М – Саворони кӯҳу палангони.
3. М –б. 166 нест.
4. ИЛ –Чу.
5. ИЛ –буд.
6. М –пас.
7. Л –фирӯзгар; И –Гургин ҳама номвар.
8. И –нигаҳбони.

www.sattor.com

Куҷо Барта будӣ нигаҳдорашон,
Ба разм-андарун номбардорашон.[1]

Чу сиву се ҷангиву тухми Пашанг,
Ки ҷӯпин будӣ созашон рӯзи ҷанг.

Нигаҳбони эшон ҳаме буд Гев,
Ки будӣ далеру ҳушивору нев.[2*3]

Ба гоҳи[4] набард ӯ будӣ пеши кӯс
Нигаҳбони[5] гурдону домоди Тус.

Зи хешони Барзин чу ҳафтод мард,
Ки буданд шерони рӯзи набард.

Бар эшон нигаҳдор Фарҳод буд,
Ки дар ҷанг сандони[6] пӯлод буд.

Зи тухми Гуроза саду панҷ[7] гурд,
Нигаҳбони эшон ҳам ӯро шумурд.[8]

Куноранг бо паҳлавонон ҷуз ин[9]
Радону бузургони боофарин.

Чунон буд, ки мӯбад надонист мар
Зи бас номдорони бозебу фар.

---

1. ИЛ –дастбардорашон.
2. ИЛ –б. 172 нест.
3. М –б. 172 нест.
4. И –рӯзи.
5. ЛМ –Сарафрози.
6. Л –сандону.
7. Л –бист.
8. ТПЗ – Зи тухми Фаридун чу ҳаштод мард,
   Далерони шоиста андар набард.
   Сари анҷуман Ашкаши номдор,
   Нигаҳдори эшон будӣ рӯзгор.
9. ИЛМ –гузин.

www.sattor.com

Набиштанд бар дафтари шаҳрёр
Ҳама номашон, то ки ояд ба кор.

Бифармуд, к-аз шаҳр берун шаванд,
Зи паҳлӯ сӯи дашту ҳомун шаванд.

Сари моҳ бояд, ки аз каррной
Хурӯш ояду захми ҳиндидарой.

Ҳама сар сӯи ҷанги туркон[1] ниҳанд,
Ҳама шодмон сар ба Турон[2] ниҳанд.

Ниҳоданд сар пеши ӯ бар замин,
Ҳама як ба як хонданд офарин.[3]

Бигуфтанд, к-«Эй шоҳи бозебу фар,
Фирӯзанда шуд аз ту тоҷу камар,

Ҳама бандагонему шоҳӣ туост,
Зи бурҷи бара то ба моҳӣ туост».

1. ИЛМ –Турон.
2. ИЛ –шодмониву сурон.
3. Л –б. 183 нест.

www.sattor.com

ГАНҶҲО БАХШИДАНИ ХУСРАВ ПАҲЛАВОНОНРО

Ба ҷое, ки буданд*[1] аспон яла,
Ба лашкаргаҳ овард чӯпон гала.[2]

Бифармуд, к-он, к-ӯ камандафкан аст,
Ба ҷанг-андарун гурди[3] рӯинтан аст,[4]

Абар тозиаспон*[5] каманд афкананд,
Сари бодпоён ба банд афкананд.

Аз он пас ҷаҳондори пирӯзгар
Або гурз*[6] биншаст бар тахти зар.[7]

Дари ганҷи динор букшоду гуфт,
Ки ганҷи бузургон нашояд нуҳуфт.

Гаҳи кӯшишу[8] кинаи корзор
Шавад ганҷу динор бар чашм хор.

Ба мардон[9] ҳама ганҷу тахт оварем,
Ба хуршед бори дарахт оварем.

Чаро бурд бояд ҳаме рӯзгор,
Ки ганҷ аз паи мард[10] ояд ба кор.[11]

---

1. М –Зи ҷое куҷо буд.
2. ИЛ –б. 186 нест.
3. Л –гурду:
4. ТПЗ – Ба сӯи фасила гузор оварад,
   Ҳамон зӯру мардӣ ба кор оварад.
5. М –Бад-ин деваспон.
6. М –тоҷ.
7. ИЛ –б. 189 нест.
8. ИЛ –бахшишу.
9. И –мардӣ.
10. ИЛ –мардум.
11. И –пас аз б. 193 ин б. омада:
    Саворони Эрон дар он анҷуман
    Бузургон нишаста ҳама тан ба тан.

www.sattor.com

Биёвард сад тахта[1] дебои Рум,
Ҳама пайкараш гавҳару зар-ш бум.

Ҳамон хаззу мансуҷу ҳам з-ин шумор
Яке ҷоми пургавҳари шоҳвор

Ниҳоданд пеши сарафроз шоҳ,
Чунин гуфт шоҳи ҷаҳон бо сипоҳ,

Ки «Инат баҳои сари бебаҳо
Палошони[2] дижхими нараждаҳо.

Куҷо паҳлавон хондаш Афросиёб,
Ба бедории ӯ шавад сар ба хоб.

Сару теғу аспаш кӣ орад ба гард
Ба лашкаргаҳи мо ба рӯзи набард?»

Сабук Бежани Гев бар пой ҷаст,
Миён куштани аждаҳоро бубаст.

Ба ҷом-андарун низ чанде гуҳар,[3]
Ҳамон ҷома бардошт в-он ҷоми зар.

Басе[4] офарин кард бар шаҳрёр,
Ки ҷовид бодо сари тоҷдор.[5]

---

1. ИЛМ –ҷома.
2. ИЛ –Балошон.
3. ТПЗИ – Ман орам сараш, -гуфт, -пеши сипоҳ
Ба фармони додори хуршеду моҳ.
Чунон дон, ки он аждаҳо бесар аст,
Ки дар разм* Яздон маро ёвар аст.**
* И –ҷанг. ** И –танҳо б. дуюм мавҷуд аст.
4. И –Яке.
5. ИЛМ –Ки бодӣ чунин ҷовидон комгор!

www.sattor.com

В-аз он ҷо биёмад ба ҷои нишаст
Гирифта чунон ҷоми гавҳар ба даст.[1]

Ба ганҷур фармуд[2] пас шаҳрёр,
Ки орад дусад ҷомаи зарнигор.

Ҳамон[3] хаззу дебову ҳам[4] парниён
Ду гулрух ба зуннор баста миён.

Чунин гуфт, к-«Ин ҳадя ӯро[5] диҳам,
В-аз он миннате низ бар сар ниҳам,

Ки тоҷи Тажов оварад пеши ман
Ва ё пеши ин номдор анҷуман,

Ки Афросиёбаш ба сар барниҳод,
Варо хонд домоди[6] фаррухнажод».

Ҳамон Бежани Гев барҷаста боз,
Куҷо буд дар ҷанг чангаш дароз,[7]

Парастандаву ҳадяҳо баргирифт,
Аз ӯ анҷуман монда андар*[8] шигифт.

Басе офарин карду биншаст шод,
Ки гетӣ ба Кайхусрав обод бод!

1. Л –б. 203 нест.
2. ИЛ –мӯбад бифармуд.
3. И –Ҳаме.
4. ИЛ –сад.
5. ИЛ –онро.
6. Л –бедору.
7. ТПЗ – Ҷавон буду ҷӯёи номи меҳон,
Ки номаш фасона шавад дар ҷаҳон.
8. М –монда буд анҷуман дар.

www.sattor.com

Бифармуд, то бо камар даҳ ғулом,
Даҳ аспи таковар[1] ба зарринлагом,

Зи пӯшидарӯён даҳ ороста
Биёвард ганҷур он[2] хоста.

Чунин гуфт бедор шоҳи рама,
Ки «Аспони ин хубрӯён ҳама

Касеро, ки чун сар бупечад Тажов,
Сазад, гар надорад дили шер тов.

Ба рух чун баҳору ба боло чу сарв,
Миёнаш чу ғарву[3] ба рафтан тазарв.

Яке моҳрӯй аст ном Испанӯй,
Суманпайкару дилбару мушкбӯй.[4]

Набояд задан, чун биёбад-ш теғ,
Ки аз теғ бошад чунон рух дареғ.

Ба хамми камандаш бигирад[5*6] камар,
Бад-он[7] сон биёрад, ки дорад[8*9] ба бар».

Бизад даст Бежан бад-он ҳам ба бар,
Биёмад*[10] бари шоҳи пирӯзгар.

---

1. Л –аз аспи тозӣ.
   *1 М –Парипайкару.
2. ИЛМ –мӯбад чунин.
3. Л –арар.
4. ТПЗ – Суманбарнигоре Суманбӯй ном,
   Саворе, ки орад мар ӯро ба дом.
5. Л –Каманд ар гирифта.
6. М –гирифта.
7. Л –Бад-ин.
8. Л –мар ӯро.
9. М –Рабояд бар он сон, ки ояд.
10. М –Даромад.

www.sattor.com

Ба шоҳи ҷаҳон-бар ситоиш гирифт,
Ҷаҳонофаринро ниёиш гирифт.

Аз ӯ шод шуд шаҳрёри бузург,
Чунон[1] гуфт, к-«Эй номдори бузург,[2]

Чу ту паҳлавон ёри душман мабод,
Дурахшанда ҷони ту бе тан мабод!»

Ҷаҳондор аз он пас ба ганҷур гуфт,
Ки «Даҳ*[3] ҷоми заррин биёр аз нуҳуфт».

Шамома ниҳоданд бар ҷоми зар,
Даҳ аз нуқраи хом ҳам пургуҳар.

Пур аз мушк ҷоме зи ёқути зард.
Зи пирӯза ҷоми*[4] дигар лоҷвард.

Ақиқу зумуррад бар ӯ рехта,
Ба мушку гулоб-андар омехта.

Парастандае[5] бо камар даҳ ғулом
Даҳ аспи гаронмоя зарринлагом.

Чунин гуфт, к-«Инро мар ӯро, ки тов
Бувад дар танаш рӯзи ҷанги Тажов.

Сарашро бад-он размгоҳ оварад,
Ба пеши диловар сипоҳ оварад».

Ба бар зад бар ин Геви Гударз даст,
Миён ҷанги он паҳлавонро бубаст.

1. ИЛ –Чунин.
2. ИЛМ –сутург.
3. М –ду.
4. М –фирӯз дигар.
5. Л –Парастанда даҳ.

www.sattor.com

Гаронмоя хубону он хоста,
Бибурданд пеши вай ороста.

Басе[1] хонд бар шаҳрёр офарин,
Ки «Бе ту мабодо кулоҳу нигин!»

В-аз он пас ба ганҷур фармуд шоҳ,
Ки «Даҳ хони заррин бинеҳ пеши гоҳ.

Баромез динору мушку гуҳар,
Парирӯй даҳ бо кулоҳу камар.

Дусад хаззу дебои пайкар ба зар,
Яке афсари хусравӣ, даҳ камар».[2]

Чунин гуфт, к-«Ин ҳадя онро, ки ранҷ
Надорад дареғ аз пайи ному ганҷ.

Аз эдар равад[3] то сӯи Косарӯд,
Диҳад бар равони Сиёвуш дуруд.

Зи ҳезум яке кӯҳ бинад баланд,
Фузун аст болояш аз даҳ[4] каманд,

Ки онро ниҳодаст Афросиёб,
Бад-он гаҳ ки бугзашт з-он рӯи об.[5]

Чунон хост, к-он раҳ касе наспарад.
Зи Эрон ба Турон касе нагзарад.

Далере аз эдар бибояд шудан,
Ҳама Косарӯд оташ андарзадан.

1. ИЛ – Ҳаме.
2. Л –б. 237 нест.
3. Л –шавад.
4. Л –сад.
5. ИЛ –б. 241 нест.

www.sattor.com

Бад-он то дар он ҷо бувад размгоҳ,
Паси ҳезум андар намонад сипоҳ».

Ҳамон Гев гуфт: «Ин[1] шикори ман аст,
Ҳамон сӯхтан кӯҳ[2] кори ман аст.

В-агар лашкар ояд, натарсам зи разм,
Ба разм-андарун каргас орам ба базм».

Ҳамон хоста Гевро[3] дод шоҳ,
Чунин гуфт, к-«Эй паҳлавони[4] сипоҳ,[5]

Абе теғи ту тоҷ равшан мабод,
Чунин бод, бе бут бараҳман мабод!»*[6]

Бифармуд сад дебаи ранг-ранг,
Ки ганҷур пеш оварад бедиранг.

Ҳам аз ганҷ сад дурри хушшоб ҷуст,
Ки оби фусурдаст гӯӣ[7] дуруст.

Зи парда парастор панҷ оварид,
Сару ҷаъд аз афсар шуда нопадид.

Чунин гуфт, к-«Ин ҳадя ӯро*[8] сазост,
Ки бар пок ҷонаш хирад подшост,

---

1. ИЛ –он.
2. ИЛМ –Барафрӯхтан кӯҳ.
3. И –Ҳама Гевро хоста.
4. ИЛМ –Бад-ӯ гуфт, к-эй номдори.
5. И –пас аз б. 247 ин б. омада, ки мувофиқи маънӣ бояд баъд аз б. 246 меомад:

    Раҳи лашкар аз бар-т осон кунам,
    Дили туркро з-он ҳаросон кунам.

6. М –к-обод бошиву шод!
7. ЛМ –гуфтӣ.
8. М –онро.

www.sattor.com

Далер асту бинолиду чарбгӯй,[1]
Набартобад аз шер дар ҷанг рӯй.

Паёме барад назди Афросиёб,
Зи бимаш наёрад ба чашм-андар[2] об.[3]

Зи гуфтори ӯ посух орад ба ман,
Кӣ ёрад*[4] аз ин номдор анҷуман?»

Биёзид Гургини Мелод даст,
Бад-он роҳ рафтан миёнро бубаст.

Парастору он ҷомаи зарнигор
Бад-ӯ доду он гавҳари шоҳвор.

Абар шаҳрёр офарин карду гуфт,
Ки бо ҷони Хусрав хирад бод ҷуфт![5]

Чу рӯи замин гашт чун парри зоғ,
Аз афрози кӯҳ андаромад чароғ[6].

---

1. ИЛ –ҷангҷӯй.
2. Л –ду дида.
3. ТПЗИ – Бибӯсад замину гузорад паём,
Бигӯяд суханҳо, ки гӯям* тамом.
* И –гуфтам.
4. М –кадом аст.
5. ТПЗ – Шавам, чун маро гуфт шоҳи ҷаҳон,
Гузорам паёму надорам ниҳон.
Аз он пас, чунин гуфт шоҳи ҷаҳон,
Ба Гургини Милод андар ниҳон.
Дилаш буд сӯзону дида пуроб,
К-аз эдар бирав сӯи Афросиёб,
Паём он чи гӯям, бад-ӯ боз гӯй,
Бихон киссаи ман якояк бад-ӯй,
Бигӯ, эй бадандеши хунхормард,
Чу ту дар ҷаҳон ин бадиҳо кӣ кард?
6. Ки хуни бародар бирезӣ чу об,
Ҷаҳонро саросар кунӣ ҳам хароб.
Ба Эрон зану мард ларзон ба хок,
Хурӯшон зи ту пеши Яздони пок.
Буридӣ сари Нӯзари номдор,
Ки буд аз каёни ҷаҳон ёдгор.

www.sattor.com

Сипаҳбад биёмад ба айвони хеш,
Бирафтанд гурдон сӯи хони хеш.[1]

Чу бо Рустам омад Сиёвуш ба ҷанг,
Ки бар ту ҷаҳонро кунад тору танг.
Бад-он гуна ранге барангехтӣ,
Зи ҳар гуна ганҷу дирам рехтӣ.
Фиристодияш пеш сад тан наво,
Бар инанд Эрону Турон гуво.
Барошуфт Ковус аз он оштӣ,
Зи Рустам гумон бурд, пиндоштӣ.
Аз ин бар Сиёвуш яке нома кард,
Бад-он то зи хешон баровард гард.
Бупечид гурдон зи фармони шоҳ,
Биёмад, туро кард пушту паноҳ.
Зи баҳри ту бугзошт Эронзамин,
Дурафшу сипоҳу кулоҳу нигин.
Паноҳи ту ҷуст, эй бади баднишон,
Ки гум бод номат зи гарданкашон!
Сари шаҳрёре чунон арҷманд
Буридӣ ба сони сари гӯсфанд.
В-аз он пас ба хуни ман орестӣ,
Надида ҷаҳон марги ман хостӣ.
Чунон чанд гӯям ситамҳои ту,
Ҳамоно ки дӯзах сазад ҷои ту.
Чу хоҳӣ, нагардад дилам пур зи ҷӯш,
Набошам бад-ин кин зи ту кинакӯш.
Гурӯи Зиреҳ он ки аз тухми Тур
Касеро ки дар гетӣ афканд шӯр,
Чу Гарсевазу чун Дамуру сарон,
Ки бастанд бар кина бо ҳам миён,
Фиристӣ барам, то ба хуни падар
Сароншон бибуррам ба дарди ҷигар.
В-агар печӣ аз рою гуфтори ман,
Биёрой лашкар ба пайкори ман.
В-агар на ба додори Яздони пок,
Ба хуршеду маҳ в-озари тобнок
На ором созам бад-ин кин, на хоб,
Магар кин битӯзам зи Афросиёб!
Чу бишнид Гургин зи Хусрав паём,
Ба пеши ҷаҳондор бугзорд гом.
Нишаст аз бари бораи роҳҷӯй,
Ба Туронзамин зуд бинҳод рӯй.

1. ТПЗЛ – Май оварду ромишгаронро бихонд,
Фаровон ҳаме дурру гавҳар фишонд.

www.sattor.com

ФИРИСТОДАНИ КАЙХУСРАВ РУСТАМРО БА ЗАМИНИ ҲИНД

Чу аз рӯз шуд кӯҳ чун сандарус,
Ба абр андаромад хурӯши хурӯс.

Таҳамтан биёмад ба наздики шоҳ,
Аз Эрон сухан гуфту аз тоҷу гоҳ.

Завора, Фаромарз бо ӯ ба ҳам,
Зи ҳар гунае рой зад бешу кам.

Чунин гуфт Рустам ба шоҳи замин,
Ки «Эй номбардори боофарин,

265 Бари Зобулистон яке шаҳр буд,
К-аз он буму бар Турро баҳр буд.

Манучеҳр кард он зи туркон тиҳӣ,
Яке хуб ҷоест бо фарраҳӣ.

Чу Ковус шуд бедилу пирсар,
Бияфтод аз ӯ ному фарру ҳунар,

Гирифтанд он шаҳр турониён,
Пас он ҷо намонданд эрониён.[1]

Кунун*[2] божу соваш[3] ба Турон баранд.
Сӯи шоҳи Эрон*[4] ҳаме нангаранд.[5]

---

1. ИЛМ –б. 268 нест.
2. М –Ҳама.
3. Л –Ҳаме божи он ҷо.
4. М –шаҳри Эрон.
5. ТПЗ – Фаровон дигар марзи ҳамчун биҳишт,
Деҳистони бисёри пурбоғу кишт.
Ҷаҳонест аз хубӣ ороста,
Дар ӯ бекарон лашкару хоста.
Мар он марз Хиргоҳ хонад ба ном
Ҷаҳондида деҳқони густарданом

www.sattor.com

Фаровон дар он[1] марз пил[2] асту ганҷ,
Тани бегуноҳон аз эшон ба ранҷ.

Зи бас ғорату куштану тохтан,
Сар аз боди Турон барафрохтан.

Кунун шаҳрёрӣ ба Эрон туրост,
Паи мӯр то[3] ҷанги шерон турост.

Яке лашкаре бояд акнун бузург
Фиристод бо паҳлавони сутург.

Агар бож наздики шоҳ оваранд,
В-агар сар бар ин боргоҳ оваранд,

Чу он марз яксар ба даст оварем,
Ба Туронзамин мар шикаст оварем».

Ба Рустам чунин посух овард шоҳ,
Ки ҷовид бодӣ, ҳамин аст роҳ.[4]

Бубин, то сипаҳ чанд бояд*[5] ба кор,
Гузин кун зи гурдон ҳама номдор.[6]

Замине, ки пайвастаи марзи туст,
Баҳои замин дархури арзи туст.

Зи як нима бар Синд дорад гузар,
Ба Қаннуҷу Кашмиру он буму бар.
Дигар нима роҳаш сӯи марзи Чин
Бипайваст бо марзи Туронзамин.

1. Л –бад-он.
2. Л –кох.
3. Л –новар.
4. ТПЗ – Ту он номдорӣ, ки эронсипоҳ
Ба бахти ту шодандУ ҳам пешгоҳ.
5. М –ояд.
6. Л –б. 277 нест; И – Ту бугзин аз ин лашкари номдор.

www.sattor.com

Фаромарзро деҳ сипоҳи гарон,
Чунон чун бибояд зи ҷанговарон.[1]

Кушода шавад кор бар дасти ӯй,
Ба коми наҳангон расад шасти ӯй,

Рухи паҳлавон гашт аз он обдор,
Басе офарин хонд бар шаҳрёр.[2]

Бифармуд Хусрав ба солори бор
Аз он пас, ки «Хони хуришро биёр!»

Май оварду ромишгаронро бихонд.
В-аз овози эшон[3*4] ҳаме хира монд.

ОРОСТАНИ КАЙХУСРАВ ЛАШКАРИ ХУДРО

Чу хуршеди тобон баромад зи кӯҳ,
Сароянда омад зи гуфтан сутӯҳ.

Баромад табира зи даргоҳи шоҳ,
Рада баркашиданд бар боргоҳ.

Бубастанд бар пил рӯинахум,
Баромад хурӯшидани говдум.

Ниҳоданд бар кӯҳаи пил тахт,
Ба бор омад он хусравонӣ дарахт.

---

1. ТПЗ – Бигӯ, то бад-ин кин бубандад камар,
Ки ҳам паҳлавон асту ҳам номвар.
Зи Хиргоҳ то буми Ҳиндустон,
Зи Кашмир то марзи Ҷодуситон.
2. ТПЗ – Чу аз шоҳ бишнид Рустам сухан,
Дилаш тоза шуд чун гул андар чаман.
Чунон тоҷу тахти ту фархунда бод,
Сипеҳри равон пеши ту банда бод!»
3. ИЛ –Зи овози булбул.
4. М –В-аз овози булбул.

www.sattor.com

Баёмад, нишаст аз бари пил шоҳ,
Ниҳода ба сар-бар зи гавҳар кулоҳ.[1]

Яке тавқи пургавҳари шоҳвор,[2]
Ба чанг-андарун гурзаи говсор.[3]

Фурӯҳишта аз гӯш[4] ду гӯшвор,
Ба дурру ба ёқут карда нигор.[5]

Ба бозуву ёра зи ёқуту зар,
Зи хушшобу зарру забарҷад камар.[6]

Ҳаме зад миёни сипаҳ пил гом
Або занги[7] заррину зарринситом.

Яке мӯҳра дар ҷом дар[8] дасти шоҳ,
Ба кайвон расида хурӯши сипоҳ.

Зи теғу зи гурзу зи кӯсу зи гард
Сияҳ шуд замин, осмон лоҷвард.

Ту гуфтӣ ба дом-андар[9] аст офтоб,
В-агар[10] гашт хумми сипеҳр андар об.

Ҳаме чашми равшан ҷаҳонро надид,
Сипеҳру ситора синонро надид.

---

1. ТПЗЛ – Ҳаме рафт шоҳ аз бари жандапил
   Бар он тахти фирӯз* бар сони Нил.
   * Л –пирӯза.
2. Л –Яке тоҷ бар сар зи дурру гуҳар.
3. Л –говсар.
4. Л –тоҷ.
5. Л –Ба гардан-ш тавқе забарҷаднигор.
6. Л –Ба зар-андарун лаълу дурру гуҳар; И –гуҳар.
7. Л –зини.
8. Л -бар.
9. Л –ҷурм-андар.
10. Л-Ва ё.

www.sattor.com

Зи дарё ту гӯӣ, ки[1] бархост мавҷ,
Сипоҳ андаромад ҳаме фавҷ-фавҷ.

Саропарда бурданд аз айвон ба дашт,
Сипеҳр аз хурӯшидан осема гашт.

Чу бар пушти пил он шаҳи номвар
Задӣ мӯҳра бар ҷому бастӣ камар.

Набудӣ ба ҳар подшоҳӣ раво
Нишастан магар бар дари подшо.

Аз он номвар хусрави саркашон,
Чунин буд дар подшоҳӣ нишон,

Ҳаме буд бар пил дар паҳндашт,
Бад-он то сипаҳ пеши ӯ даргузашт.[2]

Нахустин Фарибурз буд пешрав,
Гузар кард пеши ҷаҳондори нав.

Або гурзу бо теғу[3] зарринакафш,
Паси пушт хуршедпайкар[4] дурафш.

Яке борае барнишаста саманд,
Ба фитрок-бар ҳалқа карда каманд.

Ҳаме рафт бо нозу бо зебу[5] фар
Сипоҳе ҳама ғарқа дар симу зар.

1. И –Ту гуфтӣ зи дарё чу.
2. ТПЗИ – Кашида рада, истода сипоҳ,
Ба рӯи сипаҳдорашон буд нигоҳ.
3. И –тоҷу гурзу.
4. Л –ӯ моҳпайкар.
5. Л –ёлу бо бурзу.

www.sattor.com

Бар ӯ офарин кард шоҳи ҷаҳон,
Ки бодат бузургиву[1] фарри меҳон!

Ба ҳар кор бахти ту пирӯз бод,
Ҳама рӯзгори ту наврӯз бод!

Ба рафтан ба ҷуз[2]тандурустӣ мабод,
Ба бозомадан бар-т сустӣ мабод.[3]

Пасаш боз Гударзи Кашвод буд,
Ки гетӣ ба рои вай обод буд.

Дурафш аз паси пушти ӯ шер буд,
Ки чангаш[4] ба гурзу ба шамшер буд.

Ба чаппаш ҳаме рафт Руҳҳоми нев,
Сӯи росташ чун сарафроз Гев.

Паси пушт Шедӯш буд бо дурафш,
Замин гашта з-он[5] шерпайкар бунафш.

Ҳазорон паси пушти ӯ сарфароз
Инондор бо найзаҳои дароз.

Яке гургпайкар дурафши сиёҳ
Паси пушти Гев-андарун бо сипоҳ.

Дурафши ҷаҳонҷӯй Руҳҳоми бабр
Барафрошта найзааш[6] сар ба абр.[7]

---

1. И –бешӣ туро боду.
2. И –ҷуз аз.
3. И –боз пирӯзу шод.
4. И –чанге.
5. ЛМ –аз.
6. Л – найзаро.
7. И – б. 316 нест.

www.sattor.com

Набер(у)[1] писар буд ҳафтоду ҳашт,
Аз эшон набуд ҷой бар паҳндашт.

Паси ҳар як андар[2]*[3] дигаргун дурафш,
Ҳама бодилу теғу зарринакафш.

Ту гуфтӣ, ки гетӣ ҳама зери ӯст,
Сари сарварон[4] зери шамшери ӯст.

Чу омад ба наздикии тахти шоҳ,
Басе офарин кард бар тоҷу[5] гоҳ.

Ба Гударз-бар шоҳ кард офарин,
Чу бар Геву бар лашкараш ҳамчунин,

Паси пушти Гударз Густаҳм буд,
Ки фарзанди бедор Гаждаҳм буд.

Ҳаме найза будӣ ба чангаш ба ҷанг,[6]
Камон ёри ӯ буду тири ходанг.

Зи бозуш пайкон чу паррон шудӣ,*[7]
Ҳама дар дили сангу сандон шудӣ.*[8]

Або лашкари гашни ороста,
Пур аз гурзу шамшеру пур хоста.

Яке моҳпайкар дурафш аз бараш,
Ба абр андароварда тобон сараш.

1. ИЛ – Набера.
2. Л – пушти ҳар як.
3. М – пушти ҳар як.
4. Л – саркашон.
5. Л – тахту.
6. Л – Аз ӯ тира будӣ ҷаҳон зери чанг.
7. М – будӣ.
8. М – будӣ.

www.sattor.com

Ҳаме хонд бар шаҳрёр офарин,
Аз ӯ шод шуд шоҳи Эронзамин.

Паси Густаҳам Ашкаши тезҳуш,
Ки бо рою дил буду бо мағзу ҳуш.

Яке гурздор аз нажоди Ҳумой,[1]*[2]
Ба рое, ки ҷустиш, будӣ ба пой.[3]*[4]

Сипоҳе зи гурдони кӯчу балуч,
Сиголидаи ҷанг монанди ғӯч,

Ки кас дар[5] ҷаҳон пушти эшон надид,
Бараҳна як ангушти эшон надид.[6]

Дурафше баровард пайкарпаланг,
Ҳаме аз дурафшаш биёзид ҷанг.

Басе офарин карда бар шаҳрёр,
Бар он шодмон гардиши рӯзгор.

Нигаҳ кард Кайхусрав аз пушти пил,
Рада он сипаҳро зада бар ду мил.

Писанд омадаш, сахт кард офарин
Бар он бахти бедору фаррухзамин.[7]

---

1. Л – гавон.
2. М – Қубод.
3. Л – Бар оҳан зи пайкон-ш будӣ зиён.
4. М – Сарафрозу оҳиставу покзод.
5. ЛМ – Кас андар.
6. ТП – Сипаҳдорашон буд размозмой,
К-аз ӯ буд гоҳу накӯӣ ба ҷой.
7. ТПЗИ – Аз он пас дигаргун сипоҳе гарон
Ҳама номдорон ҷавшанварон,
Сипоҳе, к-аз эшон ҷаҳондор шоҳ
Ҳаме буд шодондилу некхоҳ.

www.sattor.com

Гузида пас андар-ш Фарҳод буд,
К-аз ӯ лашкари Хусрав обод буд.

Сипаҳро ба кирдори парвардгор
Ба ҳар ҷой будӣ,*[1] ба ҳар[2] корзор.

Яке пайкароҳу дурафш аз бараш,
Бад-он[3] сояи оҳу андар сараш.[4]

Сипоҳаш[5] ҳама теғи ҳиндӣ ба даст,
Зиреҳ туркиву[6] зини суғдӣ[7] нишаст.

Ҳама шоҳзода зи тухми Қубод,
Бар эшон ҳама фарри Яздону дод.

Ба рухсора ҳар як чу тобанда моҳ,
Чу хуршеди тобанда дар размгоҳ.[8]

Чу дид он нишасти[9] сари гоҳи нав,
Басе офарин хонд бар шоҳи нав.

Яке номбардору гурди далер,
Паси пушти Фарҳод чун наррашер.[10]

Гуроза, сари тухмаи гевгон
Паси ӯ ҳаме рафт бо вижагон.[11]*[12]

---

1. М – бурдӣ.
2. Л – бурдӣ гаҳи.
3. ЛМ – Будӣ.
4. ТПЗ – Ҳаме рафт бар сони шери дамон
   Або лашкари гашну пили жиён.
5. Л – Сипоҳӣ.
6. Л – суғдиву.
7. Л – турӣ.
8. ИЛ – б. 340, 341 нест.
9. Л – нишасту.
10. ИЛ – б. 343 нест.
11. Л – Ҳаме рафт пархошҷӯю дамон.
12. М – Ҳаме рафт пархошҷӯю дамон.

www.sattor.com

Ба зин-андарун ҳалқаҳои каманд,
Аз ӯ шодмон шуд,[1] ки будаш писанд.

Дурафше ҳаме бурд пайкаргуроз,
Сипоҳаш камандафкану размсоз.

Саворони ҷангиву мардони дашт,[2]
Басе офарин карду пас даргузашт.[3]

Дамон аз паси пушти пайкарҳумой
Ҳаме рафт[4] чун кӯҳи рафта*[5] зи ҷой.

Басе Занга бар шоҳ кард офарин
Бар он бурзу болову теғу нигин.

Ҳар он кас, ки аз шаҳри Бағдод буд,
Або[6] найзаву теғи пӯлод буд,

Ҳама баргузаштанд зери ҳумой,
Сипаҳбад ҳаме дошт бар пил ҷой.

Паси ӯ[7]*[8] набарда Фаромарз буд,
Ки бофарру бобурзу боарз буд.

Або кӯсу пилу сипоҳи гарон,
Ҳама ҷангҷӯёну кундоварон,

---

1. Л – шод шуд шаҳ.
2. ЛМ – Чу омад бари шоҳ бар паҳндашт.
3. Л – баргузашт. ИЛ – пас аз б. 347 ин б. омада:
   Дамон аз пасаш Зангаи Шоварон
   Бишуд бо далерону кундоварон.
4. ЛМ – Ҳаме ронд.
5. М – оҳан.
6. Л – Ки.
7. Л – Зи пас-бар.
8. М – Аз он пас.

www.sattor.com

Зи Кашмиру аз Кобулу Нимрӯз
Ҳама сарфарозони гетифурӯз.

Дурафшаш*[1] ба сони диловар падар,
Ки касро набудӣ зи Рустам гузар.

Сараш ҳафт ҳамчун сари аждаҳо,
Ту гуфтӣ зи банд омадастӣ раҳо.

Биёмад ба сони дарахте ба бор,
Басе офарин кард бар шаҳрёр.[2]

Дили шоҳ гашт аз Фаромарз шод,
Ҳаме кард бо вай[3] басе панд ёд.

Бад-ӯ гуфт: «Парвардаи пилтан
Сарафроз бошад ба ҳар анҷуман.[4]

Ту фарзанди бедордил Рустамӣ,
Зи Дастони Сомиву аз Найрамӣ.

Кунун марзи Ҳиндустон[5] мар туруст,
Зи Қаннуҷ то Систон мар турост.

---

1. М – Дурафше.
2. Л – б. 356 – 358 нест.
   ТПЗ – Ки ҷовид бодиву равшанравон,
   Ба андешаи тоҷу тахти каён.
3. Л – ӯ.
4. ТПЗ – Бипардоз Каннуҷу Кашмиру Синд,
   Бигир, эй сипаҳбад, ба ҳиндӣ паранд.
   Зи туронсипаҳ ҳар кӣ он ҷо бувад,
   Агар нотавон в-ар тавоно бувад,
   Ҳар он кас, ки бо ту биҷӯяд набард,
   Саросар баровар сароншон ба гард.
5. Л – сар ба сар ҳиндувон.

www.sattor.com

Касе к-ӯ ба размат набандад миён,
Чунон кун, ки ӯро набошад зиён.[1]*[2]

Ба ҳар ҷойгаҳ ёри дарвеш бош,
Ҳаме род бар*[3] мардуми хеш бош.

Бубин нек, то дӯстдори ту кист,
Хирадманду андӯҳгусори ту кист?

Бубахшу биёрою фардо магӯй,
Чӣ донӣ, ки фардо чӣ ояд[4] ба рӯй.

Туро додам ин подшоҳӣ, бидор,
Ба ҳар ҷой хира макун корзор.

Машав дар ҷавонӣ харидори ганҷ,
Ба беранҷ кас ҳеч манмой ранҷ.

Макун эманӣ дар сарои фусӯс,
Ки гаҳ сандарус асту гаҳ обнӯс.

Зи ту ном бояд, ки монад баланд,
Магар[5] дил надорӣ зи[6] гетӣ нажанд.

Марову туро рӯз ҳам бугзарад,
Дамат чархи гардон ҳаме бишмарад.

Дилат шодмон бояду тан дуруст,
Се дигар бубин, то чӣ бояд-т ҷуст.

---

1. ИЛМ – Касоне, ки бо ту наҷӯянд ҷанг,
Бар эшон макун рӯз торику танг.
2. ИЛМ – Ки фардо магар тангӣ орад.
3. М – б. 363 нест.
4. М – бо.
5. ЛМ – Нигар.
6. Л – ба.

www.sattor.com

Ҷаҳонофарин аз ту хушнуд бод,
Дили бадсиголон-т пурдуд бод!»

Чу бишнид панди ҷаҳондори нав,
Пиёда шуд[1] аз бораи тундрав,

Басе офарин кард бар шоҳи нав,
Ки андар[2] фузун бош чун моҳи нав!

Заминро бибӯсиду бурдаш намоз,
Битобид сар[3] сӯи роҳи дароз.

Таҳамтан ду фарсанг бо ӯ бирафт,
Ҳаме мағзаш аз рафтани ӯ бикафт.[4*2]

---

1. ЛМ – Фуруд омад.
2. Л – эдар.
3. Л – бар.
4. ТПЗ – Басе панду андарз гуфташ бад-ӯй,
Ки, эй номвар пури пархошҷӯй,
Ба хира маёзор ҷони касе,
Набояд, ки печӣ зи афро басе.
Ба ҳар сӯ, ки бошад яке номҷӯй,
Наванде фирист аз пояш пӯяпӯй,
Нахустин ба нармӣ сухангӯй бош,
Ба доду ба кӯшиш беоҳуй бош.
Чу корат ба нармӣ нагардад накӯй,
Дуруштӣ кун он гоҳу пас разм ҷӯй.
Ҳама корҳоро саранҷом бин,
Чу бадхоҳ чина ниҳад, дом бин.
Манеҳ нав раҳе, к-он на оин бувад,
Ки то монад ӯ, бар ту нафрин бувад.
Дари дод бар додхоҳон мабанд,
Зи савганд магзар, нигаҳ дор панд.
Чу некӣ намояд-т кайҳонхудой,
Ту бо ҳар касе низ некӣ намой.
Нагирӣ ту бадхоҳро хира хор,
Ки нараждаҳо гардад ӯ вақти кор.
Бикуш оташи хурд пеш аз газанд,
Ки гетӣ бисӯзад, чу гардад баланд.
Ба кас роз макшой, дар барбасеч,
Бадандешро хор машмар ту ҳеч.

www.sattor.com

Биёмӯхташ разму базму хирад,
Ҳаме хост, к-аз рӯз ромиш барад.[1]

Пур аз дард аз он ҷойгаҳ бозгашт,
Ба сӯи саропарда омад зи дашт.

Сипаҳбад фуруд омад аз пили маст,
Яке бораи тезрав барнишаст.

Дигар гуфт, к-Эй номвар паҳлавон,
Ҳушивору бедору равшанравон.
Бад-он сон куҷо кор паймудаанд,
Чунон чун ниёкони мо будаанд.
Ҷаҳондор Гаршосп чун шуд куҳан,
Наримон зи кӯпол гуфтӣ сухан.
Чу Гаршосп кӯпол бардоштӣ,
Ба майдони кин ҳеч нагзоштӣ,
Ба разм ар савор, ар пиёда будӣ,
Замин аз далерон-ш сода будӣ.
Ба Руму ба Чину ба Ҳинд аз набард
Ба мардӣ бикард, он чӣ он кас накард.
Ба гетӣ-дарун то ки ӯ зинда буд,
Ба мардӣ кас ӯро наяфканда буд.
В-аз он пас чу Соми ял омад падид
Наримон маю ҷоми шодӣ кашид.
Дигар чунки Зол омад андар миён,
Камар баста буд назди тахти каён.
Баросуда шуд Сом аз корзор,
Бад-ин сон бувад гардиши рӯзгор.
Ва дигар чу ман по задам дар рикеб,
Падар раст аз ошӯбу разму ниҳеб.
Агар дев пеш омад, ар аждаҳо,
Набуданд аз теғу гурзам раҳо.
Маро низ ҳангоми осудан аст,
Туро разми бадхоҳ паймудан аст,
Ба гардуни гардон расад номи ту
Гар ояд мар ин кор бар коми ту.

1. ТПЗ – Аз он пас ба падруд бо якдигар
Басе бӯса доданд бар чашму сар,
Яко як пазируфт гуфтори ӯй,
Аз он пас сӯи роҳ овард рӯй.

www.sattor.com

Гурозон биёмад ба пардасарой
Дили пур зи дарду сари пур зи рой.[1]

Чу Рустам биёмад, биёвард май,
Ба ҷоми бузург андарафканд кай[2]

Ҳаме гуфт шодӣ туро ёр бас,[3]
Ба*[4] фардо нагӯяд хирадманд кас.

Куҷо Туру Салму Фаридун куҷост?
Ҳама нопадиданду бо хок рост.

Бипӯему ранҷему ганҷ оганем,
Ба дил-дар ҳама орзу бишканем,

Саранҷом аз ӯ баҳра хок асту бас,
Раҳоӣ наёбад аз он рӯз*[5] кас.

Шаби тира созем бо ҷоми май,
Чу равшан шавад рӯз бишмурда пай,

Бигӯем, то баркашад ной Тус
Табира бароранд бо кӯҳу[6] кӯс.[7]

Бубинем, то дасти гардонсипеҳр
Дар ин ҷанг сӯи кӣ ёзад[8] ба меҳр.[9]

---

1. ТПЗ – Заминро бибӯсид дар пешгоҳ,
Зи дидори ӯ шод шуд подшоҳ.
2. Л –пай.
3. Ҳама шодмонӣ туро моя бас.
4. М –зи.
5. М –аз ӯ ҳеч.
6. ЛМ –Ҳамэдун табира бикӯбанду.
7. ТПЗ – Равад тозиён сӯи Туронзамин,
Кунад хорсон марзи Мочину Чин.
8. Л –дорад.
9. ТПЗИ – Агар ёр бошад ҷаҳонофарин,
Ба тир аз бадандеш ҷӯем кин.

www.sattor.com

Бикӯшему аз кӯшиши мо чӣ суд,
К-аз оғоз буд, он чи боист буд.

Баду нек бар мо ҳаме бугзарад,
Хирадманд мардум чаро ғам х(в)арад?[1]

Агар ёр бошад ҷаҳонофарин,
Зи хуни падар[2] бозҷӯем кин.

ОҒОЗИ ДОСТОНИ ФУРУД – ПИСАРИ СИЁВУШ

Ҷаҳондор[3] чун шуд сарафрозу гурд,
Сипаҳро ба душман набояд супурд.[4]

Сиришк андарорад ба мижгон зи ришк,
Сиришке, ки дармон надорад пизишк,

Касе к-аз нажоди бузургон бувад,
Зи бешӣ бимонад,[5] сутург он бувад.[6]

Чу бе коми дил банда бояд шудан,
Ба коми касе достонҳо задан.

Сипаҳбад чу хонад варо дӯстдор,
Набошад дилаш бо хирад*[7] созгор.[8]

Гараш з-орзу[9] боз дорад сипеҳр,
Ҳамон офаринаш нахонад ба меҳр.

---

1. ИЛ –б. 391 нест.
2. Л –Ба теғ адӯ.
3. Л –ҷаҳонҷӯй.
4. ТПЗ – Ки ӯ аз сипоҳат ба нерӯ шавад,
   Чу нерӯ зи ту ёфт, бадхӯ шавад.
5. Л –намояд.
6. И –б. 295 нест.
7. М –хирад бо дилаш.
8. Л –хирад бозаш омӯзгор.
9. Л –рӯзро.

www.sattor.com

Варо ҳеч хубӣ нахоҳад ба дил,
Шавад з-орзуҳои ӯ[1] дилгусил.

Касеро*[2], к-аш[3] аз бун набошад хирад,
Хирадмандаш аз мардумон нашмарад.

Чу ин достон сар ба сар бишнавӣ,
Бубинӣ сари мояи бадхувӣ.

ГУФТОР АНДАР РАФТАНИ ТУС БА ТУРКИСТОН

Чу хуршед бинмуд паҳнои[4] хеш,
Нишаст аз бари тунд болои[5] хеш,

Ба зер андаровард бурҷи бара,
Ҷаҳон чун маи зард шуд яксара.

Табира баромад зи даргоҳи Тус,
Ҳамон нолаи бӯқу овои кӯс.

Зи кишвар баромад саросар хурӯш,
Ҳаво пурхурӯшу замин пур зи ҷӯш.

Аз овози аспону ғавви[6] сипоҳ
Ҳаме бар фалак роҳ гум кард[7] моҳ.

Зи чоки силеҳу зи овои пил.
Ту гуфтӣ*[8], биёганд гетӣ ба Нил.

---

1. Л –вай.
2. М –Ба вижа.
3. Л –Валекин ки.
4. ИЛ –болои.
5. Л –тахт ба ҷои.
6. Л –Зи овои асбону бӯқу.
7. Л –Шуда қиргун чашми хуршеду.
8. М –Ту гӯӣ.

www.sattor.com

Ҳаво сурху зарду кабуду бунафш
Зи тобидани ковиёнӣ дурафш.

Ба гирдаш саворони гударзиён,
Миён-андарун ахтари ковиён.

Сипаҳдор бо афсару гурзу ной*[1]
Биёмад ба даҳлези пардасарой.

Бишуд Тус бо ковиёнӣ дурафш,
Ба пой-андарун карда[2] зарринакафш.

Бузургон, ки бо тавқу афсар буданд.
Ҷаҳонҷӯю аз тухми Нӯзар буданд,

Бирафтанд яксар зи пеши сипоҳ
Гурозону тозон ба наздики шоҳ.[3]

Яке пилпайкар дурафш аз бараш,
Ба абр андароварда заррин сараш.

Ҳар он, к-ӯ зи тухми Манучеҳр буд,
Дилу ҷонаш аз Тус пурмеҳр буд.

Бирафтанд яксар чу кӯҳи сиёҳ,
На тобид хуршеди равшан, на моҳ.

Чу лашкар ҳама назди шоҳ омаданд,
Дамон бо дурафшу кулоҳ омаданд.

Бифармуд, то номдорони гурд
Зи лашкар сипаҳбад сӯи шоҳ бурд.

---

1. М –Карраной.
2. ЛМ –Або номдорони.
3. ТПЗ – Зараспи гаронмоя буд пешрав,
Ки аз лашкар ӯ буд ҷаҳонҷӯи нав.

www.sattor.com

Бад-эшон чунин гуфт бедоршоҳ,
Ки «Туси сипаҳбад ба пеши сипоҳ

Бибоист бо ахтари ковиён,
Ба фармони ӯ баст бояд миён.[1]

Бад-ӯ дод мӯҳре ба пеши сипоҳ,
Ки солор ӯясту ҷӯяндароҳ».

Бад-ӯ гуфт: «Нагзар*[2] зи паймони ман,
Нигаҳ дор оину фармони ман.[3]

Наёзурд бояд касеро ба роҳ,
Чунин аст оини тахту кулоҳ.

Кашоварз ё мардуми пешавар,
Касе, к-ӯ ба размат набандад камар,

Набояд, ки бар вай вазад боди сард,
Макӯшед ҷуз бо каси ҳамнабард.

Набояд намудан ба беранҷ ранҷ,
Ки бар кас намонад сарои сипанҷ.[4]

---

1. ТПЗИ – Ба фармони ӯ буд бояд ҳама,
Ки ин бандҳо з-ӯ кушояд ҳама,
2. М –магзар.
3. И –б. 422 нест. Л –б. 421, 422 нест. ТПЗ –ба ҷои б. 422 ин б. омада:
Дигар гуфт бо Тус, к-эй номдор,
Яке панд гӯям, зи ман ёд дор.
Туро рафт бояд ба фармони ман,
Набояд гузаштан зи паймони ман.
4. ТПЗ – Ба Тус он гаҳе гуфт, к-Эй ҳушманд,
Мар ин гуфтаро сар ба сар кор банд.
Дили паҳлавонон ҳаме гарм дор,
Ба гуфтор бо ҳар кас озарм дор.
Зи тухми ситамкора Афросиёб
Набояд, ки ташна шавад сери об.

*1 М –бо.

www.sattor.com

Гузар бар Калот эч гуна макун,
Гар он[1] раҳ равӣ, хом гардад сухун.[2]

Равони Сиёвуш чу хуршед бод,
Бад-он гетияш ҷои уммед бод!

Писар будаш аз духти Пирон яке,
Ки пайдо набуд аз падар андаке.

Бародар ба ман низ монанда буд,
Ҷавон буду ҳамсолу фархунда буд.

Кунун дар Калот асту бо модар аст,
Ҷаҳондору бофарру болашкар аст.

Надонад касеро аз Эрон ба ном,
Аз он сӯ кашидан бубояд лагом.

Сипаҳ дораду номдорони ҷанг,
Яке кӯҳ дар роҳи душвору танг.

Ҳам ӯ марди ҷанг асту гурду савор,
Ба гавҳар бузургу ба тан номдор.

Ба роҳи биёбон бубояд шудан,
На некӯ бувад ҷанги шерон задан».

Чунин гуфт пас Тус бо шаҳрёр,
«Чу аз рои ту нагзарад рӯзгор,

Ба роҳе равам, к-ам ту фармон диҳӣ,
Наёяд зи фармони ту ҷуз беҳӣ».

1. ЛМ – Чу з-он.
2. ИЛ –пас б. 427 ин б. омада:
К-аз он сӯ Фуруд асту бо модар аст,
Яке лашкари гашни номовар аст.*

* И –ҷанговар аст.

www.sattor.com

Сипаҳбад бишуд тезу баргашт шоҳ
Сӯи гоҳ бо Рустами некхоҳ.

Яке маҷлис орост бо пилтан
Раду мӯбаду хусрави поктан.*[1]

Фаровон сухан ронд аз Афросиёб,
Зи дарди дили хеш в-аз ранҷи*[2] боб[3]

В-аз он сӯ, ки буд Тусу дигар сипоҳ,
Ҳаме рафт, то пешаш*[4] омад ду роҳ.[5]

Зи як сӯ биёбони беобу нам,
Калот аз дигар сӯву роҳи Чарам[6]

---

1. М –ройзан.
2. М –Зи ранҷи тани хеш в-аз дарди боб.
3. ТПЗИ – В-аз овардани модари порсо,
Ки бо мо чӣ кард он бади пурҷафо.
Маро зӣ шубонони бемоя дод,
Зи ман кас надонист ному нажод.
В-аз он пас ки овард Гевам ба роҳ,
Биёмад дамон аз пасам бо сипоҳ.
Табаҳ хост кардан худу модарам,
Нигаҳдор шуд Эзади доварам.
Басе ранҷ бурдам зи дарду зи кин,
Ки ҳаргиз мабодо бар ӯ офарин!
Кунун то бувад хуш дар тан маро,
Агар гардам аз кин, набошад раво.*
Фиристодам ин бор Тусу сипоҳ,
Аз ин пас ману ту гузорем роҳ.
Ҷаҳон бар бадандеш танг оварем,
Сару дасти ӯ зери санг оварем».
Варо пилтан гуфт, к-«Ин ғам мадор,
Ки комат барорад ҳама рӯзгор».

* И –б. 3 -б. дида нашуд.

4. М –Бишуд, то ба пеш-андар.
5. ИЛ – В-аз он рӯй манзил ба манзил сипоҳ
Бишуд, то ки пеш андаромад ду роҳ.
6. ТПЗ – Сипоҳе, ки буданд аз пештар,
Буна буду пилони пархошх(в)ар.

www.sattor.com

Бимонданд бар ҷой пилону кӯс,
Бад-он то биёяд сипаҳдор Тӯс.

Кадомин писанд оядаш з-ин ду роҳ,
Ба фармон равад ҳам бар он раҳ сипоҳ.

Чу омад бари саркашон Тус нарм,
Сухан гуфт*[1] аз он роҳи беобу гарм.

Ба Гударз гуфт: «Ин биёбони хушк
Агар гард анбар диҳад, хок мушк,

Чу ронем рӯзе ба тундӣ дароз,
Ба обу ба осоиш ояд ниёз.

Ҳамон беҳ, ки сӯи Калоту Чарам
Биронему манзил кунем аз Маям.[2]

Чапу рост ободу оби равон,
Биёбон чӣ ҷӯему ранҷи равон?

Маро буд бад-ин[3] роҳ рӯзе гузар,
Ба пеши сипаҳ Гаждаҳам[4] роҳбар.

Надидем аз он ранҷи[5] роҳи дароз,
Магар буд лахте нишебу фароз.

Ҳамон беҳ, ки лашкар бад-он сӯ барем,
Биёбону фарсангҳо нашмарем».

---

1. М –рафт.
2. ЛМ – Биронем бо симу зарру дирам;
   ТПЗЛМ – Бисозем манзил бад-он ҷойгоҳ,
   Ба осоиш оранд рой ин сипоҳ.
3. Л –дар.
4. ЛМ –Чу Гаждаҳм пеши сипаҳ.
5. Л –ранҷе зи.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт Гударз: «Пурмоя шоҳ
Туро пешрав кард бар ин сипоҳ.

Бад-он раҳ, ки гуфт ӯ, сипаҳро бирон,
Макун бар сипаҳ кори рафтан гарон.[1]

455 Магардон сар аз гуфтаи подшоҳ,
Набояд, к-аз он хаста гардад сипоҳ».[2]

Бад-ӯ гуфт Тус: «Эй гави номдор,
Аз ин гуна андеша дар дил мадор,

К-аз ин шоҳро дил нагардад дижам,
Сазад, гар надорӣ аз он ҳеч ғам».[3]

Бигуфту бифармуд, то бугзаранд,
Ба сӯи Калоту Чарам раҳ баранд.

Чу фармони хусрав наёвард ёд,
Нигар, то саранҷом чун ҷаст бод.[4]

---

1. ИМ –Набояд, ки ояд касеро зиён.
2. ИМ – Ҳамон низ гардад дилозурда шоҳ,
Падид ояд озори ӯ бар сипоҳ.
3. ТПЗ – Бад-ин гуна гаштанд ҳамдостон,
Куҷо Туси Нӯзар бизад достон.
Биронданд аз он роҳ пилону кӯс
Ба фармону рои сипаҳдор Тус.*
Сипаҳбад бад-он роҳ лашкар биронд,
Ба рӯз-андарун рӯшноӣ намонд.
Ба сӯи Калот андаромад зи роҳ,
Гирифта ҳама роҳу бераҳ сипоҳ.
Ҳаме сӯхт шаҳру ҳаме канд ҷой,
Ҳар он ҷо ки андарниҳоданд пой.
* И –танҳо б. дуюм.
4. Л -453 -459 нест. И –б. 458, 459 нест.

ОГОҲӢ ЁФТАНИ ФУРУД АЗ ОМАДАНИ ТУС

Пас[1] огоҳӣ омад ба назди Фуруд,
Ки шуд рӯи хуршеди тобон кабуд.

Зи пои ҳаюнону аз гарди пил
Замин шуд ба кирдори дарёи Нил.[2]

Сипоҳи бародар-т аз Эронзамин
Ҳаме сӯи Турон гирояд ба кин.[3]

Зи*[4] роҳи Калот аст оҳангашон,
Надонам куҷо уфтад ҷангашон.[5]

Чу бишнид нокордида ҷавон,
Дилаш гашт пурдарду тира равон.

Фуруд омад аз диж, фурӯҳишт банд,
Биёмад, нигаҳ кард кӯҳи баланд.

Бифармуд, то ҳар чи будаш яла,
Ҳаюнону аз гӯспандон гала,

Фасила ба банд андаровард низ,
Намонд эч бар кӯҳу бар дашт чиз.

---

1. Л –Чу.
2. ТПМ – Тахора бад-ӯ гуфт, к-эй навҷавон,
   Ту гар менадонӣ сухан, мебидон.
3. ТП – Ба кини Сиёвуш сипоҳи бузург
   Фиристод бо кинакоҳи сутург.
   Хурӯши пиёда, фиғони савор
   Ҳаме санг бишкофт дар кӯҳсор.
   Ҳама кинаҷӯю ҳама размсоз,
   Ҳама ҷангро чанг карда дароз.
   Ту гуфтӣ, ки дарё ба ҷӯш омадаст,
   Бар ӯ мавҷ пӯлодпӯш омадаст.
4. М –Ба.
   3 Л –б. 471 нест.
5. ИЛ –б. 463 нест.

www.sattor.com

Ҳама пок сӯи*[1] Сипадкӯҳ бурд,
Ба банд-андарун сӯи анбӯҳ бурд.

В-аз он пас биёмад, дари диж бубаст,
Яке бораи тезтаг барнишаст.

Чу бархост овози*[2] кӯс аз Миям,
Ҳамон гард чун обнӯс аз Чарам,

Зи боми диж-андар Ҷарира бидид,
Аз он саҳми лашкар дилаш бардамид.

Ҷарира зане буд моми Фуруд,
Зи баҳри[3] Сиёвуш дилаш пур зи дуд.

Бари модар омад Фуруди ҷавон
Чунин гуфт, к-«Эй бонуи бонувон[4],

Аз Эрон сипоҳ омаду пилу кӯс,
Ба пеши бузургон сипаҳдор[5] Тус.

Чӣ гӯӣ, чӣ бояд кунун сохтан?
Набояд, ки орад яке тохтан».[6]

Ҷарира бад-ӯ гуфт: к-«Эй размсоз,
Бад-ин рӯз ҳаргиз мабодат ниёз.

Ба Эрон бародар-т шоҳи нав аст,
Ҷаҳондори[7] бедор Кайхусрав аст.

1. М –Сӯи роҳи.
2. М –овои.
3. ИЛ –дарди.
4. И –Дилаш гашт пурдарду тира равон.
*1 М –шаҳе.
5. ДМ –Сипаҳ-дар сарафроз.
6. И –б. 475 нест.
7. Л –Ҷаҳондору.

www.sattor.com

Туро нек донад ба ному гуҳар
Зи ҳамхуну аз мӯҳраи як падар.[1]

Ба гетӣ касе чун Сиёвуш набуд,
Сазад, гар замона мар ӯро ситуд.[2]

Бад-ӯ дод Пирон маро аз нахуст,
В-агарна зи туркон[3] ҳаме зан наҷуст.

Нажоди ту аз модару аз падар
Ҳама тоҷдору ҳама номвар.

Бародар-т чун[4] кина ҷӯяд ҳаме,
Равони Сиёвуш бишӯяд ҳаме.

Туро пеш бояд ба кин тохтан,*[5]
Камар бар миён бастану сохтан.[6]*[7]

Баратро ба хафтони румӣ бипӯш,
Бирав дил пур аз ҷӯшу сар пурхурӯш.

Гар ӯ кина ҷӯяд ҳаме аз ниё,
Туро кина зеботар аз кимиё,

---

1. ТПЗИ – Зи гетӣ чу Хусрав туро хостор,
Зи баҳри Сиёвуш ҳама дӯстдор.
Ҷуз аз ман зи туркон ба теғ охтан
Надорад, ки орад яке тохтан.
Равони Сиёвуш пур аз нур бод,
Ба некӣ зи Яздон-ш маншур бод!*
*И –б. охирин нест.
2. Л –б. 479 нест.
3. Л –Сиёвуш.
4. И –гар.
5. М –охтан.
6. ТПЗИЛ – Ба пеши сипоҳи бародар-т рав,
Ту кинҳоҳи* нав бошу ӯ шоҳи нав.
* ИЛ –киндори.
7. М –тохтан.

www.sattor.com

Ки шояд, к-аз ин ғам бинолад паланг,
Зи дарё хурӯшон барояд наҳанг.

Ҳамон мурғ бо моҳиён андар об
Бихонданд нафрин ба Афросиёб.

Ки андар ҷаҳон чун Сиёвахш низ
Набандад камар як ҷаҳонбахш низ.

Ба гурдиву мардиву*[1] бахту нажод
Ба аврангу сангу ба фарҳангу дод

Ту пури ҷаҳонномвар[2] меҳтарӣ,
Зи тухми каёниву кайманзарӣ.

Камар баст бояд ба кини падар,
Ба ҷой оваридан нажоду гуҳар.[3]

Ба лашкар нигаҳ кун, ки солор кист,
В-аз он меҳтарон номбардор кист?

Хиром ору гарданкашонро бихон,
Маю хилъат орой болои хон.[4]

Зи шамшеру аз таргу баргустувон,
Зи хафтону аз ҳанҷари ҳиндувон.

---

1. М –родиву мардиву.
2. ИЛМ – Чунон номвар.
3. ТПЗ – Хирадманд як тан бубояд гузид,
Ки ронад суханрову донад шунид.
4. ТПЗ – Сипахро ба динор дилхуш кунӣ,
Зи бахри равони Сиёвуш кунӣ.
Ҳама бахш кун бар далерони шоҳ,
Аз эшон инонро мапечон ба роҳ.
Саронро бидеҳ пок истоми зар,
Навоин қабову кулоҳу камар.

www.sattor.com

Зи гетӣ бародар туро ганҷ бас,
Ҳамон кини[1] оини бегона кас.

Сипаҳро ту бош ин замон пешрав,
Ту кинхоҳи нав, ӯ ҷаҳондори нав».[2]

Чунин гуфт*[3] аз он пас ба модар Фуруд,
К-«Аз аввал сухан бо кӣ бояд суруд?

Кӣ бояд, ки бошад маро поймард
Аз он сарфарозони рӯзи набард?

К-аз эшон касеро надонам ба ном,
Чӣ гуна фиристам дуруду паём?»

Ҷарира чунин гуфт бо гурди пур,
Ки «Чун гарди лашкар бубинӣ зи дур,

Нигаҳ кун саворон зи кундоварон
Чу Баҳрому чун Зангаи Шоварон.

Нишон хоҳ аз ин ду гави сарфароз,
К-аз эшон марову туро нест роз.

Ҳамеша сару номи ту зинда бод,
Равони Сиёвуш фурӯзанда бод!

Аз ин ҳар ду ҳаргиз нагаштӣ ҷудо,
Куноранг буданду ӯ подшо.

Ту з-эдар бирав бесипаҳ бо Тахор,
Мадор ин сухан бар дили хеш хор.

1. И –кину.
2. Л –б. 494 -496 нест.
3. М –Ҳаме гуфт.

www.sattor.com

Чу пурсӣ зи гурдону гарданкашон,
Тахори диловар бигӯяд нишон.

К-аз Эрон кеҳу меҳ шиносад ҳама,
Бигӯяд нишони шубону рама».[1]

Бад-ӯ гуфт: «Рои ту, эй некзан,
Дурахшон*[2] кунад дудаву анҷуман».

Яке дидбон[3] омад аз дидгоҳ,
Сухан гуфт бо ӯ зи эронсипоҳ,

Ки дашту дару кӯҳ пурлашкар аст,
Ту хуршед, гӯӣ, ба банд-андар аст.

Зи дарбанди диж то дарозии санг*[4]
Дурафш асту пилону мардони ҷанг.

РАФТАНИ ФУРУД ВА ТАХОР БА ДИДАНИ ЛАШКАР

Бирафтанд пӯён Тахору Фуруд,
Ҷавонро сари бахт баргашта буд.[5]

Аз афроз чун каж бигардад сипеҳр,
На тундӣ ба кор ояд аз бун, на меҳр.

Ҷавоне, ки ҷонаш бихоҳад парид,
Куҷо метавонад ба пирӣ расид?[6]*[7]

---

1. Л –б, 507 нест.
2. М –Дурафшон.
3. Л –дидабон.
4. М –дари оби ганг.
5. ТПЗ –пеш аз б. 512 ин б. омада:
   Чу баргуфт з-ин гуна он дидбон,
   Зи ҷой андаромад сипаҳбад давон.
6. И –б. 514 нест.
7. И –б. 514 нест.

www.sattor.com

Гузиданд теғи яке бурзкӯҳ,
Ки дидор буд аксар эронгурӯҳ.[1]*[2]

Бимонданд хира Фуруду Тахор[3]
Аз он лашкару олати корзор.[4]*[5]

Ҷавон бо Тахори сароянда гуфт:
«Зи[6] ҳарч-ат бипурсам, набояд нуҳуфт.

Куноранг бо он ки дорад дурафш,
Худованди кӯполу зарринакафш,

Чу бинӣ, ба ман номи эшон бигӯй,
Касеро, ки донӣ аз Эрон ба рӯй.

Расиданд гурдон[7] миёни ду кӯҳ,
Сипоҳ андаромад гурӯҳогурӯҳ*[8]

Зи бас тарги заррину зарринсипар,[9]
Зи кӯполи заррину зарринтабар.[10]

Ту гуфтӣ ба кон-андарун зар намонд,
Баромад яке абру гавҳар фишонд.[11]

Зи бонги табира миёни ду кӯҳ
Дили каргас андар ҳаво шуд сутӯҳ.

---

1. Л –б. 514 нест.
2. М –буданд абар он гурӯҳ
3. ИЛ –Тахору Фуруд.
4. ИЛ –Аз он лашкари гашну созе, ки буд.
5. М –б. 516 нест.
6. И –Ки.
7. И –Саворон расида.
8. М –б. 520 нест.
9. И –рӯинсипар.
10. ЛМ –зарринкамар. И –Ҳама теғдору ҳама тирвор.
11. Л –б. 522 нест.
    ТПЗИ – Савору пиёда ба зарринкамар,
    Аз эшон дурахшанда шуд кӯҳсар.

www.sattor.com

Сипаҳдор,[1] шамшерзан сӣ ҳазор
Ҳаме рафт гирд аз дари корзор.

Чу дастур лашкар саросар бидид,
Бар он шоҳзода сухан густарид.

Чунин посухаш дод доно Тахор,
Ки «Бар ту ниҳонӣ кунам ошкор.

Чунон дон, ки он пилпайкар дурафш,
Саворону шамшерҳои*[2] бунафш,

Сарафроз*[3] Туси сипаҳбад бувад,
Ки дар кина пархоши ӯ бад бувад.[4]

Дурафши паси пушти ӯ дигар аст,
Чу хуршеди тобон бар ӯ пайкар аст.

Бародарпадар-т аст бо фарру ком,
Сипаҳбад Фарибурзи Ковус ном.

Пасаш моҳпайкар дурафши бузург
Далерони бисёру гурди сутург,

Варо низ Густаҳми Гаждаҳм хон,
Натарсад зи жӯпину аз[5] устухон.

Пасаш гӯрпайкар дурафши дароз,
Ба гирд-андараш лашкари размсоз,

1. ИЛ –Сипаҳдору.
2. М –он теғҳои.
3. М –Паси пушти.
4. И –б. 525 -528 нест.
5. Л –Битарсад зи жӯпини ӯ устухон. И –Ки тарсад зи жӯпини ӯ устухон.

www.sattor.com

Ба зер-андараш Зангаи Шоварон,
Далерон-ш гурдони[1] кундоварон.[2]

Дурафше паси ӯст, пайкар чу моҳ,
Танаш лаълу ҷаъдаш чу мушки сиёҳ,

Варо Бежани Гев хонад ҳаме,
Ки хун б-осмон барфишонад ҳаме.

Дурафше куҷо пайкараш ҳаст бабр,
Ҳаме бишканад з-ӯ миёни ҳизабр,[3]

Варо гурд Шедуш дорад ба пой,
Ки гӯӣ, ҳаме андарояд[4] зи ҷой.

Дурафше пасаш пайкари ӯ гуроз,
Ки гӯӣ, сипеҳр андарорад ба гоз,

Гуроза бувад номи гурди далер,
Ки бозӣ шуморад ҳаме разми шер.[5]

Дурафше пасаш пайкари говмеш,
Саворон пасу номдорон[6] зи пеш,

Гузини гавон, шӯҳра Фарҳодрост,
Ки гӯӣ магар бо сипеҳр аст рост.

Дурафше куҷо пайкараш ҳаст гург,
Нишони сипаҳдор Геви сутург.

1. Л –Далере зи гурдону.
2. И –б. 533, 534 нест.
3. И –б. 536, 537 нест.
4. И –кӯҳ андарорад ба мардӣ.
5. ИЛ –б. 540 нест.
6. ИЛМ –Сипоҳ аз пасу найзадорон.

www.sattor.com

Дурафше куҷо шерпайкар ба зар,
Ки*[1] Гударзи Кашвод орад*[2] ба сар.

Дурафше паланг аст пайкардароз,
Пасаш Ревниз аст бо кому ноз.

Дурафше куҷо оҳуяш пайкар аст,
Ки Настӯҳи Гударзи болашкар аст.[3]

Дурафше куҷо ғурм дорад нишон,
Зи Баҳроми Гударзи Кашводагон.

Ҳама он куҷо ғурм дорад нишон,
Зи Баҳроми Гударзи Кашводагон.

Ҳама шермардону*[4] гурду савор,
Якояк бигӯям, дароз аст кор».

Чу як-як бигуфт он нишони гавон
Ба пеши Фуруд он шаҳи хусравон,

Меҳону кеҳонро ҳама бингарид,
Дилаш шодмон гашту рух шанбалид.[5]

Чунин гуфт шоҳи ҷаҳон бо Тахор,
Ки «Кини падар бозхоҳем хор.[6]

Ба Чину ба Мочин намонам савор,
Ба*[7] киноварӣ аз дари корзор.

1. М –чу.
2. М –дорад.
3. ТПЗ – Дурафше уқоб аст бо тезчанг,
Чу жӯпин кашад дар қафо рӯзи чанг.
4. М –шермарданду.
5. ЗМ –бишкуфид.
6. ТПЗ – Агар ёр бошад худованди хур
Мар ин кинаро боз хоҳам ба зӯр.
7. М –зи.

www.sattor.com

Магар аждаҳоро ба чанг*[1] оварам,
Сари гоҳи эшон ба танг*[2] оварам».[3]

Чу эрониён аз бари кӯҳсор
Бидиданд ногаҳ[4] Фуруду Тахор,

Барошуфт аз эшон сипаҳдор Тус,
Фурӯ монд бар ҷой пилону[5] кӯс.

Чунин гуфт, к-«Аз лашкари номдор
Саворе бибояд ҳаме комгор,*[6]

Ки ҷӯшон шавад з-ин миёни гурӯҳ,
Биронад[7] дамон то сари Бурзкӯҳ.

Бубинад, ки ин ду диловар киянд?
Бад-он тундболо*[8] зи баҳри чиянд?

Гар эдун, ки аз лашкари мо якест,
Занад бар сараш тозиёна дувист.

---

1. М –ҷой.
2. М –ӯро ба пой.
3. Л –б. 545 -553 нест.
ТПЗ – Аз Афросиёб, он гави шӯрбахт
Бипардозам он гоҳ дайҳиму тахт,
Ба кини падар пас бибуррам сараш,
Ба вайронӣ орам ҳама кишвараш.
Ба зӯри чаҳонофарин кирдгор,
Ба дайҳими Ковуси парвардгор.
Ки кини падар ман ба ҷой оварам,
Сари гоҳи эшон ба пой оварам.
4. ИЛМ –ҷои.
5. Л –бо пилу.
6. М –ҳушёр.
7. Л –барояд.
8. М –теғсар худ.

www.sattor.com

В-агар бошад ӯ низ[1]*[2] пархошҷӯй,
Бубандад, кашонаш биёрад ба рӯй.

В-агар кушта ояд, кашонаш ба хок
Биёрад, надорад зи кас[3] тарсу бок.

В-агар з-он*[4] ки бошад зи корогаҳон,
Ки бишмурд хоҳад сипаҳро ниҳон,

Ҳам он ҷо ба ду ним бояд задан,
Фурӯ ҳиштан аз кӯҳу боз омадан».[5]

ОМАДАНИ БАҲРОМ БА НАЗДИ ФУРУД БА КӮҲ

Ба солор Баҳроми Гударз гуфт,
Ки «Ин кор бар мо намонад нуҳуфт.

Равам*[6], ҳар чи[7] гуфтӣ, ба ҷой оварам
Сари кӯҳ яксар ба пой оварам».

Бизад аспу омад[8] зи пеши гурӯҳ,
Пурандеша бинҳод сар сӯи кӯҳ.

Чунин гуфт пас номвар бо Тахор,
Ки «Ин кист, к-омад чунин хор-хор?

Ҳамоно, наандешад аз мо ҳаме,
Ба тундӣ барояд ба боло ҳаме.

---

1. И –марди.
2. М –турк бошанду.
3. И –аз ин.
4. М –в-ар эдун.
5. ТПЗ – В-агар дар каминанд бемар сипоҳ,
   В-аз эшон яке гашт пайдо ба роҳ.
   Сабук боз гардад, диҳад огаҳӣ,
   Кунем ин бару бум аз эшон тиҳӣ.
6. М –шавам.
7. Л –Зи ҳар чи ту.
8. ЛМ –Биронд аспи ҷангӣ.

www.sattor.com

Яке бора дар зер дорад саманд,
Ба фитрок барбаста дорад каманд».

Чунин гуфт пас ройзан бо Фуруд,
Ки «Инро ба тундӣ набояд бисуд.

Ба ному нишонаш надонам ҳаме,
Зи гударзиёнаш гумонам[1] ҳаме.

Чу Хусрав зи Турон ба Эрон расид,
Яке миғфари шоҳ буд[2]*[3] нопадид.

Гумони ҳаме он барам бар сараш,
Зиреҳ бо ҳамон[4] хусравонӣ бараш,

Зи Гударз дорад ҳамоно нажод,
Яке лаб ба пурсиш бибояд кушод».*[5]

Чу Баҳром наздиктар[6] шуд, ба теғ,
Биғуррид бар сони ғурранда меғ.

«Чӣ мардӣ, бад- ӯ гуфт, -бар кӯҳсор
Набинӣ ҳаме лашкари бешумор?

Магар[7] нашнавӣ бонгу[8] овои кӯс,
Натарсӣ зи солори бедор - Тус?

Фурудаш чунин посух овард боз,
Ки «Тундӣ надидӣ, ту тундӣ масоз.

1. Л –бихонам.
2. И –миғфар аз шоҳ шуд.
3. М –шуд.
4. ИЛ –то миён.
5. М –Паи ӯ бар ин бум фархунда бод!
6. Л –наздики бар.
7. ЛМ –Ҳаме.
8. М –бӯқу. И –набояд ба гӯши ту.

www.sattor.com

Сухан нарм гӯй, эй ҷаҳондида мард,
Маёлой лабро ба гуфтори сард!

На ту шери ҷангӣ, на[1] ман гӯри дашт,
Бад-ин гуна бар мо набояд гузашт.

Фузунӣ надорӣ ту чизе зи ман
Ба гурдиву мардиву нерӯи тан.

Сару пову дасту дилу мағзу ҳуш,
Забони сарояндаву чашму гӯш.

Нигаҳ кун маро, то маро низ ҳаст,
Агар ҳаст, беҳуда манмой даст.

Сухан пурсамат гар, ту посух диҳӣ,
Шавам шод, агар рои фаррух ниҳӣ».

Буд-ӯ гуфт Баҳром: «Баргӯй ҳин,
Ту бар осмониву ман бар замин».

Фуруд он замон гуфт: «Солор кист?
Ба ҷанг-андарун аз дари[2] кор кист?»

Бад-ӯ гуфт Баҳром: «Солор Тус
Ки бо ахтари ковиён асту кӯс.

Зи гурдон чу Гударзу Руҳҳому Гев,
Чу Шедушу Гургину Фарҳоди нев.

Чу Густаҳму чун Зангаи Шоварон[3]
Гуроза сари тухми кундоварон».[4]

---

1. И –ҷангию.
2. И –паи.
3. Л –Гаждаҳму ҷанговарон.
4. ТПЗ – Фарибурзу чун Бежани шермард,
Чу Ашкаш, ки ҳаст ӯ сипеҳри набард.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт, к-«Аз чӣ зи Баҳром ном
Набурдиву бгзоштӣ кор хом?

Зи гударзиён мо бад-ӯем шод,
Маро*[1] з-ӯ накардӣ ба лаб ҳеч ёд».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Эй шермард,
Чунин ёди Баҳром бо ту кӣ кард?»[2]

Чунин дод посух мар ӯро Фуруд,
Ки «Ин достонам[3] зи модар шунуд.

Маро –гуфт, –чун бар ту ояд сипоҳ,
Пазира шаву номи Баҳром хоҳ.

Дигар номдоре зи кундоварон,
Куҷо номи ӯ Зангаи Шоварон,

Ки ҳастанд*[4] ҳамширагони падар,
Сазад, гар биҷӯӣ аз эшон хабар».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Эй некбахт,
Туӣ бори он хусравонӣ дарахт?[5]

Фурудӣ ту, эй шаҳрёри ҷавон?
Ки ҷовид бодиву равшанравон!»

Ҷуз ин паҳлавонони номварон,
Ҳамон номвар Зангаи Шоварон.

1. М –чаро.
2. ТПЗМ – Зи Гударзу Геват кӣ дод огаҳӣ?
Ки бо хуррамӣ бодиву фаррахӣ.
3. ИД –достони ман.
4. М –Ҳамеанд.
5. ТПЗИ – Сиёвуш, ки шуд кушта бар бегуноҳ
В-аз он доғдил гашт эронсипоҳ.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт: «Оре, Фурудам, дуруст,
Аз он сарви афканда шохе бируст».[1]

Бад-ӯ гуфт Баҳром: «Бинмой тан.
Нишони Сиёвахш бинмо*[2] ба ман».

Ба Баҳром бинмуд бозу Фуруд,
Зи анбар ба гул-бар яке хол буд.

К-аз он гар на пайкар, ба паргори Чин
Надонад нигорид кас бар замин.

Бидонист, к-ӯ аз[3] нажоди Қубод,
Зи роҳи Сиёвахш[4] дорад нажод.

Бар ӯ офарин карду бурдаш намоз,
Баромад ба болои тунду фароз.

Фурӯ[5] омад аз асп шоҳи ҷавон,
Нишаст аз бари санг равшанравон.

Ба Баҳром гуфт: «Эй сарафроз мард,
Ҷаҳондори[6] бедору шери набард,

Ду чашмам агар зинда диди падар,
Ҳамоно нагаштӣ аз ин шодтар,

Ки дидам туро шоду равшанравон,
Ҳунарманду бинодилу паҳлавон.

1. И –б. 599 нест.
2. М –Бараҳна нишони Сиёвуш.
3. И –ӯро.
4. Л –Сиёвуш.
5. ИЛ –Фуруд.
6. Л –Ҷаҳондору.

www.sattor.com

Бар он омадам ман бар ин теғи кӯҳ,
Ки аз номдорони эронгурӯҳ

Бипурсам, бидонам, ки солор кист,
Ба разм –андарун номбардор кист?

Яке сур созам чунон чун тавон,
Бубинам ба шодӣ рухи паҳлавон.

Бубахшам зи ҳар гуна бисёр мар,[1]
Зи аспу зи шамшеру гурзу[2] камар.[3]

В-аз он пас гурозон ба пеши сипоҳ
Ба Турон шавам доғдил кинахоҳ.

Сазовори ин ҷустани кин манам,
Ба ҷанг оташи тез[4] бар зин манам.[5]*[6]

Сазад, гар бигӯӣ ту бо паҳлавон,
Ки ояд бар ин кӯҳ равшанравон.

Бубошем як ҳафта эдар ба ҳам,
Сиголем ҳар гунае бешу кам.

Ба ҳаштум, чу бархезад овои кӯс,
Ба зин андарояд сипаҳдор Тус,

Миёнро бубандам ба кини падар,
Яке разм созам ба дарди ҷигар.

1. И –б. 609 -611 нест.
2. Л –чиз ман бешумар. И –Бубахшем эдун фаровон гуҳар.
3. И –хӯду теғу.
4. ТПЗ – Яке ҳафта бо шодкомиву ноз
Ба дидори гурдон шавам сарфароз.
5. Л –чанг-андар низ.
6. М –Ки.

www.sattor.com

Чу*[1] бо шер ҷанг ошноӣ диҳад,
Зи бар парри каргас губоӣ диҳад,

Ки андар ҷаҳон кинаро з-ин нишон
Набандад миён кас зи гарданкашон».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Эй шаҳрёр,
Ҷавону ҳунарманду гурду савор,

Бигӯям ман ин, ҳар чи гуфтӣ ба Тус,
Ба хоҳиш диҳам низ бар даст бӯс.

Валекин сипаҳбад хирадманд нест,
Сару мағзи ӯ аз дари панд нест.

Ҳунар дораду хоста, ҳам*[2] нажод,
Наёрад ҳаме бар лаб аз шоҳ*[3] ёд.[4]

Бишӯрид бо Геву Гударзу шоҳ,
Зи баҳри Фарибурзу тахту кулоҳ.

Ҳаме гуфт[5] аз тухмаи Нӯзарам,
Ҷаҳонро ба шоҳӣ худ андарх(в)арам.

Сазад, гар бупечад зи гуфтори ман,
Гирояд ба тундиву пайкори ман.

Ҷуз аз ман ҳар он кас, ки ояд барат,
Набояд, ки бинад[6] сару миғфарат.[7]

---

1. М –б. 614 нест.
2. М –бо.
3. М –Надорад ба дил-бар хирад ҳеч ёд.
4. ИЛ –Надорад ба дил-бар зи кин ҳеч ёд.
   ТПЗ – Бад-он гаҳ, ки Кайхусрави б-офарин
   Биёвард Геваш зи Туронзамин.
5. ИЛ –гӯяд.
6. Л –донад.
7. ТПЗИЛ – Ки худкома мардест бе тору пуд,
   Каси дигар ояд, набошад дуруд.

www.sattor.com

Маро гуфт: «Бингар, ки бар теғ кист?
Чу рафтӣ, мапурсаш, ки аз баҳри чист?

Ба гурзу ба ханҷар сухан гӯю бас,
Чаро монад ин рӯз бар кӯҳ кас?»

Ба мужда ман оям, чу ӯ гашт ром,
Туро пеши лашкар барам шодком.

В-агар ҷуз ман ояд зи лашкар[1] касе,
Набояд бар ӯ будан эмин басе.

Наёяд бари ту ба ҷуз як савор,
Чунин аст*[2] оини ин номдор.

Кунун нек бингар, ки то чист рой,
Дари диж бигиру бипардоз ҷой».

Яке гурзи пирӯзадаста[3] ба зар
Фуруд он замон баркушод[4] аз камар.

Бад-ӯ доду гуфт: «Ин зи ман ёдгор
Ҳаме дор бо худ, ки ояд ба[5] кор.

Чу Туси сипаҳбад пазирад хиром,
Бибошем равшандилу шодком.

Ҷуз ин ҳадяҳо бошаду аспу зин,
Ба зар афсару хусравонӣ нигин».

Ва дигар, ки бо мо дилаш рост нест,
Ба шоҳӣ бародар-тро хост нест.

1. ИЛ –Зи ман дигар ояд.
2. М –бошад.
3. И –берӯза даста.
4. И –баркашид.
5. И –ояд-т.

www.sattor.com

БОЗ ОМАДАНИ БАҲРОМ НАЗДИ ТУС

Чу Баҳром баргашт, бо Тус гуфт,
Ки «Бо ҷони покат хирад бод ҷуфт!

Бидон, к-он Фуруд аст фарзанди шоҳ
Сиёвуш, куҷо кушта шуд бегуноҳ.

Намуд он нишоне, ки андар нажод
Зи Ковус доранд в-аз Кайқубод».[1]

Чунин дод посух ситамгора Тус,
Ки «Ман дорам ин лашкару бӯқу[2] кӯс.

Туро гуфтам, ӯро ба назди ман ор,
Суханро макун ҳеч аз ӯ хостор.

Гар ӯ шаҳрёр аст, ман худ киям?
Бад-ин лашкар андар зи[3] баҳри чиям?[4]

Яке туркзода чу зоғи сиёҳ,
Бар ин кӯҳ бигрифт роҳи сипоҳ.[5]

Набинам зи худкома гударзиён,
Магар он ки дорад сипаҳро зиён.

---

1. ТПЗ – Шуморо ба дил дӯстдор омадаст,
Бад-ин кина ӯ низ ёр омадаст.
Агар рой бинад сипаҳбад ба ҷон
Хиромад, кунад ҷони ӯ шодмон.
2. И – гурзу.
3. ИМ – Бар он диж чӣ гӯяд, ки.
4. Л – Бад-он диж чӣ гӯяд, ки ман бар чиям?
5. Л – б. 645 нест.
ТПЗ – Ту рафтиву бо вай задӣ достон,
Ба шоҳиш гаштӣ ту ҳамдостон.
Маро гӯӣ, ин лашкар ӯро супор,
Чи ғам бошадам, чун ту дорам савор.

www.sattor.com

Битарсидӣ аз беҳунар як савор,
На шери жиён буд бар кӯҳсор.[1]

Сипаҳ диду баргашт сӯи фиреб,
Ба хира сипардӣ фарозу нишеб».

В-аз он пас чунин гуфт бо саркашон,
Ки «Эй номдорону душманкушон,[2]

Яке номвар хоҳаму номҷӯй,
Ки орад сӯи кӯҳу ин*[3] турк рӯй.

Сарашро ба ханҷар бибуррад зи тан,
Ба пеши ман орад дар ин[4] анҷуман».

Миёнро бубаст андар он Ревниз,
Ҳаме з-он набардаш пур омад қафиз.

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Эй паҳлавон,
Макун ҳеч бар хира тира равон.

Битарс аз Худованди хуршеду моҳ,
Дилатро ба шарм овар аз рӯи шоҳ,

Ки пайванди шоҳ асту[5] ҳамзоди ӯй,
Саворест номовару[6] ҷангҷӯй,[7]

1. ТПЗ – Ту донӣ, ки туркон аз гуна банд
Басе барсиголанд бар ҳушманд.
Ҳамин беҳунар турки бадгавҳар аст,
Ба дил душмани хусраву лашкар аст.
2. Л – гарданкашон.
3. М – К-аз эдар ниҳад сӯи он.
4. Л – бад-ин.
5. ИМ – ӯй асту.
6. ИМ – Савор аст номовари.
7. Л – б. 665 нест.

www.sattor.com

Ки гар сад савор аз миёни гурӯҳ,
Шавад пеши ӯ то сари теғи кӯҳ,

Зи ҷангаш раҳоӣ наёбад ба ҷон,
Ғам орӣ ҳаме бар дили шодмон».

Сипаҳбад шуд ошуфта аз гуфти ӯй,
Нашуд панди Баҳроми ял[1] ҷуфти ӯй.

Бифармуд, то номбардор чанд
Битозанд то сӯи кӯҳи баланд.

Зи гурдон фаровон бурун тохтанд,
Набарди варо гардан афрохтанд.

Бад-эшон чунин гуфт Баҳроми гурд,
Ки «Ин кор яксар мадоред хурд.

Бар он кӯҳ-бар хеши Кайхусрав аст,
Ки як мӯи ӯ беҳ зи сад паҳлав аст.

Ҳар он кас, ки рӯи Сиёвуш надид,[2]
Бихоҳад[3] зи дидори ӯ орамид».

Чу Баҳром дод аз Фуруд он нишон,
Зи раҳ бозгаштанд гарданкашон.

1. ЛМ – Набуд панди Баҳром худ.
2. ЛМ – бидид.
3. Л – Нахоҳад.

www.sattor.com

КУШТА ШУДАНИ РЕВНИЗ БАР ДАСТИ ФУРУД

Биёмад дигарбора домоди Тус.
Ҳаме кард гардун бар ӯ-бар фусӯс.

Зи роҳи Чарам бар Сипадкӯҳ шуд,
Дилаш пурҷафо буду настӯҳ шуд.

Чу аз теғи боло Фурудаш бидид,
Зи қирбон[1] камони каӣ баркашид.

Чунин гуфт бо размдида Тахор,
Ки «Тус он суханҳо гирифтаст хор,

Ки омад савореву Баҳром нест,
Маро дил дурушт асту падром[2] нест.

Бубин, то магар ёдат ояд, ки кист?
Сару пош[3] дар оҳан аз баҳри чист?»

Чунин дод посух мар ӯро Тахор,
Ки ин Ревниз асту гурди савор.

Чиҳил хоҳар асташ чу хуррамбаҳор,
Писар худ ҷуз ин нест андар табор.

Фиребандаву римону чоплус,
Ҷавону ҳунарманду[4] домоди Тус».

Чунин гуфт бо марди доно Фуруд,
Ки «Ҳангоми ҷанг ин[5] нашояд шунуд.

1. И – таркаш.
2. Л – бадром.
3. Л – Саропой.
4. - Далеру ҳушивору.
5. Л – он.

www.sattor.com

Чу ояд ба пайкори кундоварон,
Бихобам-ш бар домани хоҳарон,

Бад-ӯ гар кунад боди килкам гузор,
Агар зинда монад, ба мардам мадор.

Ба тир асп печон кунам ё савор,
Чӣ гӯӣ ту, эй кордида, Тахор?»[1]

Ҳаме тир букшой бар мард-бар,
Магар Тусро з-ӯ бичӯшад ҷигар.

Надонад, ки ту дил биёростӣ,
Ки бо ӯ ҳаме оштӣ хостӣ.

Чу[2] ӯ бо ту - бар хира ҷанг оварад,
Ҳаме бар бародар-т нанг оварад.

Чу бо теғ наздик шуд Ревниз,
Ба зеҳ баркашид он хамонида шиз.

Зи боло хаданге биронд аз бараш,
Ки бардӯхт бо тарки румӣ сараш.

Бияфтоду баргашт аз ӯ асп тез,
Ба хок андаромад сари Ревниз.

Чу солор Тус аз Миям бингарид,
Шуд он кӯҳ бар чашми ӯ нопадид.

Яке достон зад бар ин-бар хирад,[3]
Ки аз хӯи бад мард кайфар барад.

---

1. ТПЗЛ – Чунин гуфт бо марди ҷангӣ Тахор,
Ки омад гаҳи гардиши корзор.
2. ИЛ – Чун.
3. З – пурхирад.

www.sattor.com

КУШТА ШУДАНИ ЗАРАСП АЗ ДАСТИ ФУРУД

Чунин гуфт пас паҳлавон бо Зарасп,
Ки «Бифрӯз дилро чу озаргушасп.

Силеҳи[1] саворони ҷангӣ бипӯш,
Ба ҷону тани хештан дор гӯш.

Ту хоҳӣ магар кини он номдор,
В-агарна манам кинаро хостор».

Зарасп омаду тарг бар сар ниҳод
Диле пур зи кина, саре пур зи бод.

690 Ба сӯи Сипадкӯҳ бинҳод рӯй,
Ҳаме шуд чу шери жиён кинаҷӯй.*[2]

Хурӯшону ҷӯшону дил пурниҳеб,
Бар афроз сар баркашид аз нишеб[3]*[4]

Чунин гуфт шери жиён бо Тахор,
Ки «Омад дигар раҳ[5] яке хостор.*[6]

Бубин, то кадом аст аз Эрон савор,[7]
Ки ояд дамон бар сари кӯҳсор?»

1. И – Силоҳӣ.
2. М – Бурун рафт аз қалби лашкар Зарасп.
 Ҳаме ронд бар сони Озаргушасп.
3. ИЛ – б. 690, 691 нест.
4. М – Чу аз дур дидаш Фуруди ҷавон,
 Нигаҳ кард сӯи Тахор аз карон.
5. ИЛ – дигаргун.
6. М – Ки омад дигар гуфт, к-ин хостор
 Нигаҳ кун ту, эй кордида, Тахор.
7. Л – ин номдор.

www.sattor.com

Тахор он замон лаб зи ҳам баркушод,
Суханҳо ҳама як ба як кард ёд.[1]*[2]

Ки «Ин пури Тус аст, номаш Зарасп,
Ки аз пили ҷангӣ нагардонад асп,

Ки ҷуфт аст бо хоҳараш Ревниз,
Ба кин омадаст ин ҷаҳонҷӯй низ.

Чу бинад бару бозуву миғфарат,
Ҳаданге бибояд кушод аз барат.

Бад-он то ба хок андарояд сараш,
Нагун андарояд зи бора бараш.

Дилам бегумон аст, к-омад-ш марг,
Дили Тус гардад чу даймоҳбарг.[3]*[4]

Бидонад сипаҳдори девона*[5] Тус,
Ки эдар набудем мо бар фусӯс».

Чу наздиктар шуд абар теғи кӯҳ,
Назора бар ӯ буд эронгурӯҳ.[6]*[7]

Фуруди диловар[8] барангехт асп,
Яке тир[9] зад бар миёни Зарасп,

---

1. И – б. 693, 694 нест.
2. М – Кадом аст аз Эрониён ин савор?
Чунин дод посух мар ӯро Тахор.
3. ИЛ – б. 698, 699 нест.
4. М – б. 698 – 699 нест.
5. М – Бад-он то бидонад сипаҳдор.
6. ИЛ – б. 701 нест.
7. М – б. 701 нест.
8. И – сипаҳбуд.
9. Л – найза.

www.sattor.com

Ки бо ҷавшану зин танашро бидӯхт,
Равонаш зи пайкони ӯ барфурӯхт.

Бияфтоду баргашт аз ӯ бодпой,
Ҳаме шуд дамону данон боз ҷой.

ҶАНГИ ТУС БО ФУРУД

Хурӯше баромад зи эронсипоҳ,
Ҳаме баргирифтанд гурдон кулоҳ.

Дили Тус пурхуну дида пуроб,
Бипӯшид ҷавшан ҳам андар шитоб.

Зи гурдони ҷангӣ бинолид сахт,
Биларзид бар сони барги дарахт.

Нишаст аз бари зин чу кӯҳи бузург,
Ки бинҳанд бар пушти пили сутург.

Инонро бупечид сӯи Фуруд,
Дилаш пур зи кину сараш пур зи дуд.[1]

Тахори сароянда гуфт он замон,
Ки омад абар кӯҳ кӯҳи дамон.

Сипаҳдор Тус аст, к-омад ба ҷанг,
Натобӣ ту бо кордида наҳанг.[2]

Бирав, то дари диж бубандем сахт,
Бубинем, то чист фарҷоми бахт.

1. И – Сараш пур зи кин шуд, дилаш пур зи дуд;
ТПЗ – Зи бас хашм дандон-ш бар якдигар
Ҳаме зад, чу хашм оварад шери нар.
Бурун омад ороста ҷангро,
Ба кин ҷустан овехтан ҷангро.
2. И – паланг.

www.sattor.com

Чу фарзанду домоди ӯро ба разм
Табаҳ кардӣ, акнун маяндеш базм».

Фуруди ҷавон тез шуд бо Тахор,
Ки чун разм пеш омаду корзор,

Чи Тусу чи пилу чи шери жиён,
Чи ҷангипалангу чи бабри баён

Ба ҷанг-андарун мардро дил диҳанд,
На бар оташи тез бар гил[1] ниҳанд.

Чунин гуфт корозмуда Тахор,
Ки «Шоҳон суханро надоранд хор.

Ту худ як савориву гар оҳанӣ,[2]
Ҳаме кӯҳи хоро зи бун барканӣ,

Аз эрониён номвар сӣ ҳазор
Ба ҷанги ту оянд бар кӯҳсор.

На диж монад эдар на сангу на хок,
Саросар зи пой андароранд пок.

В-агар Тусро з-ин газанде расад,
Ба Хусрав зи дардаш нажанде расад,[3]

Ба кини падар-т андарояд шикаст,
Шикасте, ки ҳаргиз нашояд-ш баст.

1. Л – Нашон оташи тез бар дил.
2. Л – оҳани.
3. ИЛ – б. 721 нест.

www.sattor.com

Чӣ бояд туро тундиву ҷанги шер,*[1]
Ба диж шав, макун ҷанг бар хир-хир!»[2]

Сухан ҳар чи аз пеш боист гуфт,
Нагуфту ҳаме дошт андар нуҳуфт.

Зи бемоя дастури нокордон,
Варо ҷанг суд омаду ҷон зиён.

Фуруди ҷавонро диж обод буд,
Ба диж-дар парастанда ҳаштод буд.

Ба боми диж он моҳрӯёни ӯй,
Ситода ба дидан пур аз гуфтугӯй.[3]

Аз он бозгаштан Фуруди ҷавон
Аз эшон ҳаме буд тиравон.

Инон баргироиду омад чу бод,*[4]
Ба зеҳ-бар ҳаданги дигар барниҳод.*[5]

Чунин гуфт бо шоҳи ҷангӣ[6] Тахор,
Ки «Гар ҷуст хоҳӣ ҳаме корзор,

Магар[7] номвар Тусро нашканӣ,
Туро он беҳ ояд, ки асп афканӣ.

1. М – Бигардон инону маяндоз тир.
2. ИЛ – б. 723 нест.
3. ИЛ – б. 727 нест.
ТПЗИЛ – Ҳама бар сари бора наззора буд,
Зи дебои чинӣ яке пора буд.
4. М – бифшурд рон.
5. М – Ҳаданге ниҳода будаш дар камон.
6. И – шоҳзода.
7. ИЛМ – Нигар.

www.sattor.com

Чу шоҳ он пиёда насозанд ҷанг,
Агарчи бувад кор душвору танг.

Ва дигар, ки бошад, ки вайро замон
Наёяд ба як чӯба тир аз камон.[1]

Чу ояд сипаҳбад бари теғи кӯҳ,
Биёяд пасаш бегумон он гурӯҳ.

Туро нест дар ҷанг поёби ӯй,
Надидӣ бурӯҳои пуртоби ӯй?»

Фуруд аз Тахор ин суханҳо шунид,
Камонро ба зеҳ карду андаркашид.

Хаданге бар аспи сипаҳбад бизад,
Чунон к-аз камони саворон[2] сазад.

Нагун шуд сари борагӣ, ҷон бидод,
Дили Тус пуркину сар пур зи бод.

Ба лашкаргаҳ омад ба гардан сипар,
Пиёда пур аз гарду[3] осема сар.

Гавожа ҳаме зад паси ӯ Фуруд,
Ки ин номвар паҳлавонро чӣ буд?

Ки эдун натобид бо як савор,
Чӣ гуна чамад дар сафи корзор?

Парастандагон ханда бардоштанд,
Ҳаме наъра аз чарх бугзоштанд,

1. И – б. 733 нест.
2. И – далерон.
3. Л – дарду.

www.sattor.com

Ки пеши ҷавоне яке марди пир
Аз афроз ғалтон шуд аз бими тир.

Сипаҳбад фуруд омад аз кӯҳсар[1]
Бирафтанд гурдон пурандӯҳ-бар[2]*[3]

Гирифтанд як-як бар ӯ офарин,
Ки эй номвар, паҳлавони замин,[4]

Чӣ беҳ з-он ки*[5] боз омадӣ тандуруст,
Ба оби мижа рух набоист шуст.[6]

Бупечид аз он кор пурмоя Гев,
Ки омад пиёда сипаҳдори нев.

Чунин гуфт, к-инро худ андоза нест,
Рухи номдорон аз ин тоза нест.

Агар шаҳрёр аст бо гӯшвор,
Чӣ гирад чунин лашкари гашн хор?

Нашояд, ки бошем ҳамдостон,
Бад-ин сон, ки ӯ оварад достон.

Агар Тус якбора тезӣ намуд,
Замона пурошӯб гашт аз Фуруд[7]

---

1. ЛМ – кӯҳ бар.
2. Л – ба анбӯҳ-бар.
3. М – сар.
4. И – Бигуфтанд яксар, ки эй паҳлавон,
   Сари сарфарозону ҷавшанварон.
5. М – ки эдар ту.
6. ТПЗИ – Сипос аз Худовандат, эй паҳлавон,
   К-аз он тир тира нагаштат равон.
7. ТПЗИ – Зи гурдони Эрон ду озода кушт,
   Зи тираш сипаҳдор бинмуд пушт.

www.sattor.com

Ҳама ҷон фидои Сиёвуш кунем,
Набояд,*[1] ки ин бад[2] фаромӯш кунем.

Зараспи гаронмоя з-ӯ шуд ба бод,
Савори сарафрози нӯзарнажод.

Ба хун аст ғарқа тани Ревниз,
Аз ин беш хорӣ чӣ бошад ба[3] низ?!

Гар ӯ пури Ҷамм асту мағзи Қубод,
Яке дар ба нодонӣ андар кушод».

РАЗМИ ГЕВ БО ФУРУД

Ҳаме гуфту ҷавшан ҳаме баст гурм[4],
Гурозон биёмад чу бар кӯҳ ғурм.[5]

Фуруди Сиёвуш чу ӯро бидид,
Яке боди сард аз миён баркашид.

Ҳаме гуфт, к-ин лашкари размсоз,
Надонанд роҳи нишебу фароз.

Ҳама як зи дигар диловартаранд,
Абар тораки лашкарон афсаранд.*[6]

Валекин хирад нест бо паҳлавон,
Сари бехирад чун тани беравон.

---

1. М – Нашояд.
2. И – кин. Л – инро.
3. И – набояд-т.
4. И – гарм.
5. И – Ҳаме бар танаш-бар бидаррид чарм.
   ТПЗ – Нишаст аз бари аждаҳои дижам,
   Хиромон биёмад ба роҳи Чарам.
   Чу боди ҷаҳанда барандохт асп,
   Ба боло биёмад чу Озаргушасп.
6. М – Чу хуршеди тобон ба ду пайкаранд.

www.sattor.com

Набошанд пирӯз, тарсам ба кин,
Магар Хусрав ояд ба Туронзамин.

Ба кини падар пушт пушт[1] оварем,
Магар душманонро ба мушт оварем.

Бигӯ, к-ин савори сарафроз кист,
Ки бар дасту теғаш бибояд гирист?

Нигаҳ кард аз афрози боло Тахор,
Ба сӯи нишеб-андарун хор-хор.

Бад-ӯ гуфт, к-«Ин аждаҳои дижам,
Ки мурғ аз ҳаво андарорад ба дам,[2]

Ки[3] дасти ниёи ту Пирон бубаст,
Ду[4] лашкар зи Турон ба ҳам баршикаст.

Басе бепадар кард фарзанди хард,[5]
Басе рӯду кӯҳу биёбон сипард.

Падар низ кард ӯ басе беҳунар.[6]
Ба пай биспарад гардани шери нар.

Ба Эрон бародар туро ӯ кашид,
Ба Ҷайҳун гузар карду киштӣ надид.

Варо Гев хонанд, пил асту бас,
Гаҳи разм дарёи Нил асту бас.

---

1. Л – пушт ба.
2. ТПЗ – Ҳамон паҳлавон аст бо фарру бурз,
Худованди кӯполу шамшеру гурз.
3. Л – Ду.
4. И – Се.
5. И – хвард.
6. ИЛ – Падар кард ӯ низ бас бе писар.

www.sattor.com

Чу зеҳро ба шаст*[1] андарорӣ гиреҳ,
Хадангат наёбад гузар бар зиреҳ.

Силеҳи Сиёвуш бипӯшад ба ҷанг,
Натарсад зи пайкони тири ҳаданг.

Бикаш чарху пайкон сӯи асп рон,
Магар хаста гардад ҳаюни гарон.

Пиёда шавад, бозгардад магар,
Кашон чун сипаҳбад ба гардан сипар».

Камонро ба зеҳ кард ҷангӣ Фуруд,
Сари хонаи чарх бар китф суд.

Бизад тир бар синаи аспи Гев,
Фуруд омад аз аспу баргашт нев.

Зи боми Сипадкӯҳ наъра бихост.
Ҳаме мағзи Гев аз гавожа бикост.[2]

Бирафтанд гурдон ҳама пеши Гев,
Ки Яздон сипос, эй сарафрози нев,

Ки асп аст хаста, ту хаста наӣ.
Тавон шуд дигар бор,*[3] баста наӣ.

Бари Гев шуд Бежани шермард,
Фаровон суханҳо бигуфт аз набард,*[4]

---

1. М – бар зеҳ ба шаст.
2. ЛМ – Биёмад бараш зуд Бежан чу бод,
Суханҳои нохуш ҳаме кард ёд.*
* И – ин б. пас аз б. 780 омада.
3. М – Ту аз додгар боз.
4. М – б. 780 нест.

www.sattor.com

Ки «Эй боби шеравжани паҳлавон,[1]
Куҷо пил бо ту надорад тавон,[2]

Чаро дид пушти туро як савор,
Ки дасти ту будӣ дили корзор?

Зи турке кунун асп хаста ба даст,
Бирафтӣ саросема бар сони маст».

Бад-ӯ гуфт: «Чун хаста шуд борагӣ,
Бад-ӯ додаме сар ба якборагӣ».

785 Ҳаме гуфт гуфторҳои дурушт,
Чу Бежан чунон дид, бинмуд пушт.

Барошуфт Гев аз кушоди бараш,
Яке тозиёна бизад бар сараш.

Бад-ӯ гуфт: «Нашнидӣ аз раҳнамой,
Ки дар*[3] ҷанг андеша бояд ба ҷой.

На ту мағз дорӣ, на рою хирад,
Мабодо касе, к-ӯ туро парварад».

Дили Бежан омад зи тезӣ ба дард,
Ба додори доранда савганд х(в)ард,

790 Ки зин барнадорам ман аз пушти асп,
Магар кушта оям ба кини Зарасп.

В-аз он ҷо биёмад дили пур зи ғам,
Сари пур зи кина бари Густаҳам.

1. ИЛ – тезҷанг.
2. ИЛ – биёяд ба ҷанг.
3. М – бо.

www.sattor.com

К-«Аз аспони ту борае дасткаш,
Кучо бархиромад бар афроз х(в)аш,

Бидеҳ, то бипӯшам силеҳи набард,
Яке то падид ояд аз мард мард.

Яке турк рафтаст бар теғи кӯҳ,
Бад-ин сон назора бар ӯ-бар гурӯҳ.

Ҳаме рафт хоҳам ба пайкори ӯй,
Ки шуд тира ҷонам зи кирдори ӯй».[1]

Бад-ӯ Густаҳам гуфт, к-«Ин нест рӯй,
Ту бар хира бар роҳи боло мапӯй.

Гар эдун, ки з-эдар бибояд гузашт,
Ҷаҳон пурфарозу нишеб асту дашт.

Маро борагӣ он ки ҷавшан кашад,
Ду мондаст, агар ӯ якеро кушад,

Наёбам дигар низ ҳамтои ӯй
Ба рафтору зӯру ба болои ӯй.

Зараспи ҷаҳондору ҳам Ревниз,
Сипаҳбад, ки гетӣ надорад ба чиз.

Падар-т он ки шери[2] жиён бишкарад,
Ба гардуни гардон ҳаме нангарад,

Аз ӯ бозгаштанд дил пур зи дард,
Кас овард бо кӯҳи хоро накард.

1. ИЛ – б. 795 нест.
2. Л – пили.

www.sattor.com

Магар*[1] парри каргас шавад ё ҳумой,
В-агарна бад-он диж напӯяд ба пой».[2]

Бад-ӯ[3] гуфт Бежан, ки «Машкан дилам,
Кунун ёлу бозу зи ҳам магсилам.

Яке сахт савганд хӯрдам ба моҳ
Ба додори кайҳону дайҳиму шоҳ,

К-аз ин кӯҳ ман барнагардонам асп,
Магар кушта гардам ба кини Зарасп».[4]

Бад-ӯ гуфт Густаҳм, к-«Ин роҳ нест,
Хирад ҳеч аз ин тезӣ огоҳ нест».*[5]

Бад-ӯ гуфт Бежан: «Ба кини Зарасп
Пиёда бипӯям, нахоҳам худ асп».*[6]

Чунин дод посух варо Густаҳам,
Ки «Мӯе нахоҳам зи фарқи*[7] ту кам.

Маро гар бувад борагӣ сад ҳазор,
Думу ёл пургавҳари*[8] шоҳвор,

Надорем низ аз ту онро дареғ,
На ганҷу на ҷону на кӯполу теғ.

---

1. М – Агар.
2. ТПЗ – Ту хирасарӣ, кор нодида ҳеч,
   Надонӣ ту оини разму басеч.
3. И – Чунин.
4. ЛМ – Замонам сар ояд магар чун Зарасп.
5. М – б. 807 нест.
6. М – Чу бора надорӣ, ба кини Зарасп,
   Пиёда бипӯям чу Озаргушасп.
7. М – риши.
8. М – Ҳама дум пур аз гавҳари.

www.sattor.com

Бирав[1] як ба як борагиҳо бубин,
Кадомат беҳ ояд, яке баргузин.[2]

Бифармой, то зин бар он, к-ат ҳавост,
Бисозанду гар кушта ояд, равост».

Яке рахш будаш ба кирдори гург,
Кашидазаҳору баланду сутург.

Зи баҳри ҷаҳонҷӯй марди ҷавон
Бар ӯ барфиканданд баргустувон.

Дили Гев шуд з-он сухан пур зи дуд,
Чу андеша кард ӯ зи кори Фуруд,

Фиристод кас, Густаҳамро бихонд,
Басе достон аз ҷавонӣ биронд.[3]

Фиристод диръи Сиёвуш бараш,
Ҳамон хусравонӣ яке миғрафаш.

Биёвард Густаҳм диръи набард,
Бипӯшид Бежан ба кирдори гард.

Ба сӯи Сипадкӯҳ бинҳод рӯй,
Чунин чун бувад мардуми кинаҷӯй.

1. И – Ҳама.
2. Л – б. 811, 812 нест.
3. И – б. 817 нест.

www.sattor.com

ҶАНГИ БЕЖАН БО ФУРУД

Чунин гуфт шоҳи ҷаҳон бо Тахор,
Ки «Омад ба наввӣ яке номдор.

Нигаҳ кун, бубин, то варо ном чист,
Бар ин марди ҷангӣ кӣ хоҳад гирист?»

Ба хусрав Тахори сароянда гуфт,
Ки «Инро аз Эрон касе нест ҷуфт.

Ки фарзанди Гев асту гурди далер,
Ба ҳар ҷанг пирӯз чун наррашер.

Надорад ҷуз ин Гев фарзанд низ,
Гиромитар асташ зи ҷону зи чиз.[1]

Ту акнун сӯи борагӣ дор даст,
Дили шоҳи Эрон нашояд шикаст.

Ва дигар, ки дорад ҳамон ӯ зиреҳ,
Куҷо Гев зад бар гиребон гиреҳ.

Бар ӯ тиру жӯпин наёяд ба кор,
Сазад, гар пиёда кунад корзор.

Ту бо ӯ басанда набошӣ ба ҷанг,
Нигаҳ кун, ки алмос дорад ба чанг».[2]

---

1. ИЛМ – аст ӯ зи ҷони азиз.
2. Л – Биёяд або теғи ҳиндӣ ба ҷанг;
   ТП – Макун, эй ҷаҳондору боз ор ҳуш,
   Пушаймон шавад марди беҳудакӯш.
   Табаҳ гашт аз эрониён чанд тан,
   Набояд ситам кард бар хештан.
   Чу танг андаромад бад-ӯ пури Гев,
   Камонро бимолид солори нев.

www.sattor.com

Бизад тир бар аспи Бежан*[1] Фуруд,
Ту гуфтӣ ба асп-андарун ҷон набуд.[2]

Бияфтод Бежан, ҷудо гашт аз ӯй,
Сӯи теғ*[3] бо теғ бинҳод рӯй.

Яке наъра зад, к-«Эй савори далер,
Бимон, то бубинӣ кунун разми шер.

Бидонӣ, ки бе асп мардон ба[4] ҷанг
Чӣ гуна хироманду ханҷар[5] ба чанг.

Бубинӣ маро, гар бимонӣ ба ҷой,
Ки дар ҷанг[6] аз он пас наёд-т рой».

Чу Бежан ҳаме барнагашт аз Фуруд,
Фуруд аз бараш низ тезӣ[7] намуд.

Яке тири дигар бияндохт шер,
Сипар бар сар овард марди далер.

Сипар бардариду зирехро наёфт,
В-аз он рӯй Бежан ҳаме баршитофт.

Аз он тундболо чу бар сар расид,
Бизад дасту теғ аз миён баркашид.

Фуруди гаронмоя з-ӯ бозгашт,
Ҳама бораи диж пуровоз гашт.

1. М – ҷангӣ.
2. И – б. 830 нест.
3. М – мард.
4. ИЛ – шерон ба. И – шерони.
5. И – Биёнд бо теғи ҳиндӣ ба.
6. Л - Ба пайкор.
7. Л - тундӣ.

www.sattor.com

Давон Бежан андар паси пушти ӯй,
Яке теғи бурранда*[1] дар мушти ӯй.

Ба баргустувон барзаду кард чок,
Гаронмоя асп андаромад ба хок.

Ба дарбанди ҳисн андаромад Фуруд,
Далерон дари диж бубастанд зуд.[2]

Зи бора фаровон буборид санг,
Бидонист, к-он нест ҷои диранг.

Хурӯшид Бежан, ки эй номдор,
Зи марди пиёда далеру савор

Чунин бозгаштиву шармат набуд,
Дареғ он дилу чанги[3] ҷанги Фуруд.

Биёмад бари Тус аз он размгоҳ,
Чунин гуфт бо паҳлавони сипоҳ.

Сазад гар ба разми чунин як далер
Шавад номбардор як дашт шер.

Агар кӯҳи хоро зи пайкори[4] ӯй
Шавад об, дарё бувад кори[5] ӯй

Сипаҳбад нашояд, ки дорад шигифт,
Аз ин бартар андоза натвон гирифт.

1. М – дарранда.
2. Л – б. 841, 842 нест.
3. Л – номи.
4. Л – пайкони.
5. Л – кони.

www.sattor.com

Сипаҳбад ба доранда савганд х(в)ард,
К-аз ин диж барорам ба хуршед гард.

Ба кини Зараспи гиромисавор*[1]
Битозам, бисозам яке корзор.*[2]

Тани турки бадхоҳ беҷон кунам,
Зи хунаш дили санг марҷон кунам.

КУШТА ШУДАНИ ФУРУД

Чу хуршеди тобанда шуд нопадид,
Шаби тира бар чарх лашкар кашид.

Далерони диждор марде ҳазор
Ба сӯи калот андаромад савор.

Дари диж бубастанд аз он рӯи танг,
Хурӯши ҷарас хост, овои занг.

Ҳамон духти Пирону моми Фуруд
Равон пур зи тимору дил пур зи дуд,*[3]

Биёмад,ба назди*[4] гиромӣ бихуфт,
Шаби тира бо дарду ғам буд ҷуфт.

Ба хоб оташе дид, к-аз диж баланд
Барафрӯхтӣ пеши он арҷманд.

Саросар Сипадкӯҳ бифрӯхтӣ,
Парастандаву диж ҳаме сӯхтӣ.

1. М – гиромӣ сипоҳ.
2. М – Барорам, бисозам яке размгоҳ.
3. М – б. 856 нест.
4. М –Ҷарира ба ёди.

www.sattor.com

Дилаш гашт пурдарду бедор шуд,
Равонаш пур аз ранҷу тимор шуд.

Ба бора баромад, ҷаҳон бингарид,
Ҳама кӯҳ пурҷавшану найза дид.

Рухаш гашт пурхуну дил пур зи дуд,
Биёмад давон то ба назди Фуруд.

Бад-ӯ гуфт: «Бедоргурд, эй писар,
Ки моро бад омад зи ахтар ба сар.

Саросар ҳама кӯҳ пурдушман аст,
Дари диж пур аз найзаву ҷавшан аст».[1]

Ба модар чунин гуфт марди ҷавон,
Ки «Аз ғам чунин чанд бошӣ навон?

Маро гар*[2] замона шудаст испарӣ,
Замонам*[3] зи бахшиш фузун нашмарӣ.

Ба рӯзи ҷавонӣ падар кушта шуд,
Маро ҳам чу ӯ рӯз баргашта шуд.

Ба дасти Гурӯй омад ӯро замон,
Сӯи ҷони ман Бежан омад давон.

Бикӯшам, бимирам ба ғам зорвор,*[4]
Нахоҳам аз эрониён зинҳор».[5]

---

1. И – б. 864 нест.
2. М – Маро худ.
3. М – Замона.
4. М – магар мардвор.
5. ТПЗ – Саранҷоми ҳар зинда мурдан бувад,
   Худ ин зиндагӣ дам шумурдан бувад.

www.sattor.com

Сипаҳро ҳама гурзу ҷавшан бидод,
Яке тарки пурмоя бар сар ниҳод.

Миён зери ҳафтони румӣ бубаст,
Биёмад камони каёнӣ ба даст.

Чу хуршеди тобанда бинмуд чеҳр,
Хиромон баромад*[1] ба хамми сипеҳр.[2]

Зи ҳар сӯ баромад хурӯши сарон,
Гироянда шуд гурзҳои гарон.

Ғави кӯс бо нолаи каррной,
Дами нор сарғину ҳиндидарой.

Фуруд омад аз бораи[3] диж Фуруд,
Далерони туркон ҳар он кас, ки буд.[4]

Зи гарди саворону аз парри тир,
Сари кӯҳ шуд ҳамчу дарёи қир.

Набуд ҳеч ҳомуну ҷои набард,
Ҳаме кӯҳу санг аспро хира кард.

---

1. М – биёмад.
2. ТПЗ – Сипаҳдор Туси диловар чу бод
Бизад кӯси рӯина аз бомдод.
Сипоҳи каёнӣ табира заданд,
Пас он гоҳ сӯи сипаҳбад шуданд.
Сипаҳбад бурун омад аз ҷои хеш,
Дил аз доғи фарзанду домод реш.
Сӯи кӯҳ яксар бирафтанд пок,
Чу гурги даранда ҳама хашмнок.
Ҳама гирди диж лашкар ангехтанд,
Чу мӯру малах дар ҳам овехтанд.
3. Л – даргаҳи.
4. ТПЗ – Ҳаво пур шуд аз тирҳои хаданг,
Буборид гурзу бинолид санг.

www.sattor.com

Аз ин сӯ, аз он сӯ хурӯшон шуданд,
Ба разм-андарун сахт кӯшон шуданд.

Пиёда сарони сипаҳ гирди ӯй
Сӯи бораи диж ниҳоданд рӯй.[1]

Бад-ин[2] гуна то гашт хуршед рост,
Сипоҳи[3] Фуруди диловар бикост.

Фарозу нишебаш ҳама кушта буд,
Сари бахти марди ҷавон гашта буд.

Бад-ӯ хира монданд эрониён,
Ки чун ӯ надиданд шери жиён.

Чу шуд корзораш аз ин гуна сахт,
Бидид, он ки бо ӯ натобид бахт,[4]

Зи туркон намонд эч бо ӯ савор,
Ҳаме кард танҳо ҳамон*[5] корзор[6]

Инонро бупечиду танҳо бирафт.
Зи боло сӯи диж шитобид тафт.

Чу Руҳҳому Бежан камин сохтанд,
Фарозу нишебаш ҳаме тохтанд.

---

1. ИЛ – 878, 879 нест.
2. ЛМ – Аз ин.
3. Л – Савори.
4. ИЛ – б. 884 нест.
5. М – Надид эч танҳо рухи.
6. ТПЗ – Чапу рост мегашту мегуфт боз,
Наандеш эч аз нишебу фароз,
Зи бас гардишу печиши коркард
Ба хуршеди тобон баровард гард.
Ба овардгаҳ гашт бозуш суст,
Зи гурдон пас он гоҳ кина наҷуст.

www.sattor.com

Чу Бежан падид омад андар нишеб,
Сабук шуд инону гарон шуд рикеб.

Фуруди ҷавон тарки Бежан бидид,
Бизад дасту гурз аз миён баркашид.

Ба Бежан даромад чу шери дижам,
Набуд огаҳ аз бахшиши чархи хам.*[1]

Ҳаме хост, то*[2] бар сараш барзанад,
Ба як захм хӯду сараш бишканад.

Навон гашт Бежан зи захми ҷавон,
Рамида зи сар ҳушу аз тан равон[3]*[4]

Чу Руҳҳом дид он, даромад зи пушт[5]
Хурӯшон яке теғи ҳиндӣ ба мушт,[6]

Бизад бар сари сифти он марди шер,
Фурӯ монд аз кор дасти далер.[7]

Ҷавон ҳамчунон хаста бозуву дӯш,
Ҳаме ронд аспу ҳаме зад хурӯш.

Ба наздики диж Бежан андаррасид,
Ба захме паи бораи ӯ бурид.

1. М – б. 890 нест.
2. М – к-он.
3. Л – б. 888 – 892 нест. И – б. 890 – 892 нест.
4. М – б. 493 нест.
5. Л – Чу Бежан бидидаш ба кирдори маст.
6. Л – даст.
7. ТПЗМ – Амуди дигар Бежани Гев сахт
Бизад бар сару тарки он некбахт.

www.sattor.com

Пиёда худу чанд аз он чокарон,
Табаҳ гашта аз ҷанги кундоварон.[1]

Ба диж даршуду дар бубастанд зуд,
Дареғ он дилу номи[2] ҷангӣ Фуруд.

Бишуд бо парастандагон модараш,
Гирифтанд пӯшиданӣ[3] дар бараш.

Ба зорӣ фикананд бар тахти оҷ,
Бишуд шоҳро рӯзу ҳангоми тоҷ.

Ҳама ғолияҷаъди мушкинкаманд,
Парастанда бо модар аз бун биканд.

Ҳаме канд ҷон он гузида Фуруд,
Ҳама тахт мӯю*[4] ҳама кох*[5] дуд.

Яке чашм баркарду зад боди сард,
Рухаш сӯи мому парастанда кард.[6]

Чунин гуфт чун лаб зи ҳам баргирифт,
Ки «Ин мӯй кандан набошад шигифт.

Кунун андароянд[7] эрониён
Ба тороҷи диж танг[8] баста миён.

Парастандагонам асирон кунанд,
Дижу бораву кӯҳ вайрон кунанд.

1. Л – б. 896, 897 нест.
2. ЛМ – Шуд он номвар марди.
3. Л – пӯшидагон.
4. М – мӯя.
5. М – ҳисн.
6. ИЛ – б. 903 нест.
7. Л – эдар.
8. ИЛ – пок.

www.sattor.com

Дили ҳар кӣ бар ман бисӯзад ҳаме,
Зи ҷонам рухаш барфурӯзад ҳаме,

Ҳама пок бар бора бояд шудан,
Тани хештан бар замин барзадан,

Ки то баҳри Бежан набошад яке,
Намонам ман эдар магар андаке,

Ки буррандаи покҷони ман ӯст,
Ба рӯзи ҷавонӣ замони ман ӯст».

Бигуфт ину рухсорагон кард зард,
Баромад равонаш ба тимору дард.

Ба бозигаре монад ин чархи маст,
Ки бозӣ барорад ба ҳафтод даст.

Замоне ба боду замоне ба меғ,
Замоне ба ханҷар, замоне ба теғ.

Замоне ба дасти яке носазо,
Замоне худ орад зи сахтӣ раҳо.

Замоне диҳад тахту ганҷу[1] кулоҳ,
Замоне ғаму хориву банду чоҳ.

Ҳаме хӯрд бояд касеро, ки ҳаст
Манам тангдил, то шудам тангдаст,

Агар худ назодӣ хирадманд мард,
Надидӣ ба гетӣ ҳаме гарму сард.[2]

1. Л – тоҷу тахту.
2. И –б. 917 нест.

www.sattor.com

Бизоду ба сахтиву ноком зист,
Бад-он зистан зор бояд гирист.

Саранҷом хок аст болини ӯй,
Дареғ он дилу рою оини ӯй.

КУШТАНИ ҶАРИРА ХУДРО

Фуруди Сиёвахш бекому ном
Чу шуд з-ин ҷаҳон норасида ба ком,[1]

Парастандагон бар сари диж шуданд,
Ҳама хештан бар замин барзаданд.

Ҷарира яке оташе барфурӯхт,
Ҳама ганҷҳоро бар оташ бисӯхт.

Яке теғ бигрифт аз он пас ба даст,
Дари хонаи тозиаспон бубаст.

Шикамшон бидарриду бубрид*[2] пай,
Ҳаме рехт бар рух ҳама хуну хай.

Биёмад ба болини[3] фаррух Фуруд,
Бари ҷомаи ӯ яке*[4] дашна буд.[5]

Ду рухро ба рӯи писар барниҳод,
Шикам бардариду бараш ҷон бидод.

---

1. ИЛ –б. 920 нест.
   ТПЗ – Бад-он гаҳ ки омад замонаш ба сар
   Ба гоҳи ҷавонӣ ба сони падар.
2. М – Шикам бардариду бибуррид.
3. И –наздики.
4. М – Яке обгун.
5. Л – Рухаш пур зи обу дилаш пур зи дуд.

www.sattor.com

Дари диж кушоданд эрониён,
Ба ғорат бубастанд яксар миён.

Чу Баҳром наздики он бора шуд,
Зи андӯҳ яксар дилаш пора шуд.

Биёмад ба болини[1] фаррух Фуруд,
Рухаш пур зи обу дилаш пур зи дуд.[2]

Ба эрониён гуфт, к-«Ин аз падар
Басе хортар мурду ҳам зортар.

Кушанда Сиёвахш чокар набуд,
Ба болин-ш-бар кушта модар набуд.

Ба гирдаш ҳама кох афрӯхта,
Ҳама хонумон кандаву сӯхта.[3]

Ба бад бас дароз аст дасти сипеҳр,
Ба бедодгар барнагардад ба меҳр.

Зи Кайхусрав акнун надоред шарм,
Ки чандон сухан гуфт бо Тус нарм.[4]

Ба кини Сиёвуш фиристодатон,[5]
Басе панду андарзҳо додатон.[6]

---

1. И – наздики.
2. Л – б. 929 нест.
ТПЗ – Ба тан ҷомаи паҳлавӣ кард чок,
Ба торак ҳаме рехт аз дард хок.
3. ТПЗ – Парастандагон хештан кушта пок,
Ба ҳам барзада оташу хуну хок.
Ба эрониён гуфт, к-«Аз кирдгор
Битарседу аз гардиши рӯзгор».
4. Л – б. 933, 934 нест.
5. Л – фиристодамон.
6. Л – додамон.
ТПЗ – Нахустин, ки омад, бародар-ш кушт,
Зиҳӣ Туси номарду тунду дурушт.

www.sattor.com

Зи хуни бародар чу огаҳ шавад,
Ҳаме[1] шарму озарм кӯтаҳ шавад.

Зи Руҳҳом в-аз Бежани тезмағз
Наёяд ба гетӣ яке кори нағз».

Ҳамон гаҳ биёмад сипаҳдор Тус,
Ба роҳи Калот андаровард кӯс.

Чу Гударзу чун Геви кундоварон,
Зи гурдони Эрон сипоҳи гарон.

Сипаҳбад ба сӯи Сипадкӯҳ шуд,
Биёмад дамону беандӯҳ шуд.

Чу омад ба болини он кушта зор,
Бад-он тахт бо модар афканда хор,

Ба як даст Баҳром, пуроб*[2] чашм
Нишаста ба болини ӯ пур зи хашм.

Ба дасти дигар Зангаи Шоварон,
Бад-ӯ анҷуман гашта кундоварон.

Гави чун дарахте бар он тахти оҷ
Ба дидор моҳу ба болой соҷ.

Сиёвахш[3] буд хуфта бар тахти зар
Або ҷавшану тарку гурзу камар.[4]

1. Л – Ҳамон. И – Ҳама.
2. М – бо.
3. Л – Сиёвуш.
4. И – Ба дебои зарбафту зарринкамар. Л – Ба дебои заррину зарринкамар.

www.sattor.com

Бад-ӯ зор бигрист Гударзу Гев,
Чунон[1] номдорону гурдони нев.

Рухи Тус пур шуд зи хуни ҷигар,
Зи дарди Фуруду зи дарди писар.[2]

Ҳама чашм пуробу дил пур зи хӯй,
Ба Туси сипаҳбад ниҳоданд рӯй.

Чунин гуфт бо Тус Гударзу Гев
Ҳамон номдорону гурдони нев,[3]

Ки «Тундӣ пушаймонӣ орад-т бор,
Ту дар бӯстон тухми тундӣ макор,

Ки тезӣ на кори сипаҳбад бувад,
Сипаҳбад, ки тезӣ кунад, бад бувад.[4]

Ҷавоне бад-он сон зи тухми каён
Бад-ин фарру болову бурзу миён

Бидодӣ ба тезиву тундӣ ба бод
Зарасп он сипаҳдори нӯзарнажод.

Зи тундӣ гирифтор шуд Ревниз,
Набуд аз бади бахт монида[5] чиз.

Ҳунар бо хирад дар дили марди тунд,
Чу теғе, ки гардад ба зангор кунд».

1. ИЛМ – Ҷуз ин.
2. И – б. 947 нест.
3. И – б. 949 нест.
Л – Чунин гуфт Гударз бо Тусу Гев,
Ба Густаҳму Гургину гурдони нев.
4. ТПЗ – Хирад бояд андар сари марди кор,
Ки тезиву тундӣ наёяд ба кор.
5. Л – монанди.

www.sattor.com

Чу чанде бигуфтанд, об аз ду чашм
Бибориду омад зи тундиву хашм.

Чунин посух овард, к-«Аз бахти бад
Басе ранҷу сахтӣ ба мардум расад».[1]

Бифармуд, то дахмаи шоҳвор
Бикарданд бар теғи он кӯҳсор.

Ниҳоданд зер-андараш тахти зар,
Ҳамон[2] ҷавшану теғу гурзу*[3] камар.

Тани шоҳвораш биёростанд,
Гулу мушку кофуру май хостанд.

Сарашро ба кофур карданд хушк,
Танашро ба дибқу гулобу ба мушк.

Ниҳоданд бар тахту гаштанд боз,
Шуд он шердил марди боному соз.[4]

Зараспи сарафроз бо Ревниз,
Ниҳоданд дар паҳлуи шоҳ низ.

Сипаҳбад бар он риши кофургун
Биборид аз дидагон ҷӯи хун.[5]

Чунин аст, ҳарчанд монем дер,
На пили сарафроз монад, на шер.[6]

---

1. Л – 956, 957 нест.
2. ИЛ – Або.
3. М – Ба дебову зарбафту заррин.
4. Л – гардонфароз.
5. Л – б. 963, 964 нест.
6. ТПЗ – Ҳама маргроем, пиру ҷавон
Ки марг аст чун шеру мо оҳувон.

www.sattor.com

Дили сангу сандон битарсад зи марг,
Раҳои̅ наёбад аз ӯ беху барг.[1]

ЛАШКАР КАШИДАНИ ТУС БА КОСАРӮД ВА КУШТА ШУДАНИ ПАЛОШОН АЗ ДАСТИ БЕЖАН

Чу Туси сипаҳбад зи ҷанги Фуруд
Бипардахту омад аз он кух фуруд,[2]

Се рӯзаш диранг омад андар Чарам,
Чаҳорум баромад зи шайпур дам.

Сипаҳ баргирифту бизад ною кӯс,
Замин кӯҳ то кӯҳ гашт обнӯс.

Ҳар он кас, ки диди̅ зи туронсипоҳ
Бикушти̅, фиканди̅ танашро ба роҳ.

Ҳама марзҳо кард бетору пуд,
Ҳаме рафт аз ин гуна то Косарӯд.

Бад-он марз лашкар фуруд оварид,
Замин гашт аз он хаймаҳо нопадид.

Хабар шуд ба Турон, к-аз Эрон сипоҳ
Сӯи Косарӯд андаромад зи роҳ.

---

1. ТПЗ – Намонанд андар сарои сипанҷ
Чи бо шодмони̅, чи бо дарду ранҷ.
Чу дони̅, ки ноҷор бояд-т рафт,
Ҳамон беҳ, ки коре бисози̅ ба тафт.

2. ТПЗИ – Ҳаме гуфт, бо худ сипаҳдор Тус
Аз он пас, ки кард ӯ ба худ-бар фусӯс.
Агар тарсиву гар натарси̅, якест,
Бибояд шуданмон, к-аз ин чора нест.*

* И – танҳо б. дуюм мавҷуд аст.

www.sattor.com

Зи туркон биёмад далере ҷавон[1]
Палошони бедордил, паҳлавон.

Биёмад, ки лашкар ҳама бингарад,
Дурафшу саропардаҳо бишмарад.

Ба лашкаргаҳ-андар яке кӯҳ буд,
Баланду ба як сӯ зи анбӯҳ буд.

Нишаста бар ӯ Геву Бежан ба ҳам
Ҳаме гуфт ҳар гуна аз бешу кам.

Дурафши Палошон[2] зи туронсипоҳ
Ба дидори эшон баромад зи роҳ.

Чу аз дур Геви диловар бидид,
Бизад дасту теғ аз миён баркашид.[3]

«Шавам, - гуфту - буррам сарашро зи тан.
В-агар*[4] баста орам бар ин анҷуман».

Бад-ӯ гуфт Бежан, ки «Эй номдор,[5]
Маро дод хилъат бар ин шаҳрёр.[6]

Ба фармон маро*[7] баст бояд камар
Ба разми Палошони пархошхар».

Ба Бежан чунин гуфт Геви далер,
Ки «Маштоб дар ҷанги он наррашер.

---

1. Л – давон.
2. Л – Балошон.
3. ТПЗИМ – Чунин гуфт, к-омад Палошони шер,
   Яке номдоре, саворе, далер.
4. М – Гараш.
5. Л – к-аз ин шаҳрёр.
6. ИЛМ – бад-ин корзор.
7. М – ӯ.

www.sattor.com

Мабодо, ки бо вай натобӣ[1] ба ҷанг,
Кунӣ рӯз бар ман бад-ин ҷанг танг.[2]

Чу шер асту ҳомун варо марғзор,
Ҷуз аз марди ҷангӣ наҷӯяд шикор».

Бад-ӯ гуфт Бежан: «Маро з-ин сухун
Ба пеши ҷаҳондор нангӣ макун.

Силеҳи Сиёвуш маро деҳ ба ҷанг,
Пас он гаҳ зи ман ҷӯ шикори паланг».

Бад-ӯ дод Геви далер он зиреҳ,
Ҳаме баст Бежан зиреҳро гиреҳ.

Яке бораи тезтаг барнишаст,
Ба ҳомун хиромид найза ба даст.

Палошон яке оҳу афканда буд,
Кабобаш бар оташ пароканда буд.

Ҳаме хӯрду аспаш чамону чарон,
Палошон фиканда ба бозу камон.

Чу аспаш зи дур аспи Бежан бидид,
Хурӯше баровард у андардамид.

Палошон[3] бидонист, к-омад савор,
Биёмад басечидаи корзор.

Яке бонг барзад ба Бежан баланд,
«Манам, - гуфт, - шеравжани девбанд.

1. Л – Набояд, ки бо вай шитобӣ.
2. Л – ба кирдори занг.
3. Л – Балошон.

www.sattor.com

Бигӯ ошкоро, ки номи ту чист?
Ки ахтар ҳаме бар ту хоҳад гирист».

Диловар бад-ӯ гуфт: «Бежан манам,*[1]
Ба ҷанг-андарун деви рӯинтанам.[2]

Ниё шери ҷангӣ, падар Геви гурд,
Бубинӣ ҳам акнун зи ман дастбурд.

Ба рӯзи ялон[3] дар[4] дами корзор
Ту бар кӯҳ чун гурги мурдорхор.

Ҳаме дуду хокистару хун х(в)арӣ,
Гаҳ омад, ки лашкар ба ҳомун барӣ».

Палошон[5] ба посух накард эч рой,
Барангехт он пили[6] ҷангӣ зи ҷой.

Саворони шарза баровехтанд,
Яке гарди тира барангехтанд.[7]

Синонҳои найза ба ҳам баршикаст,
Ялон сӯи шамшер бурданд даст.

Ба захм-андарун теғ шуд лахт-лахт,
Бибуданд ларзон чу барги дарахт.

---

1. М – ки ман Бежанам.
2. ТПЗ – Ба овардгаҳ-бар маро пилу шер
   Яке бошаду марди гурди далер.
3. ЛМ – бало.
4. И – ялону.
5. Л – Балошон.
6. Л – деви.
7. ТПЗ – Нахустин ба найза намуданд ҷанг,
   Яке ҳамчу шеру дигар чун паланг.

www.sattor.com

Ба об-андарун ғарқа шуд борагӣ,
Сароншон ғамӣ шуд ба якборагӣ.

Амуди гарон баркашиданд боз
Ду шери сарафрозу ду размсоз.

Чунин то баровард Бежан хурӯш,
Амуди гарон барниҳода ба дӯш,

Бизад бар миёни Палошони[1] гурд,
Ҳама мӯҳраи пушт бишкаст хурд.

Зи болои асп андаромад танаш,
Нагун шуд сару*[2] миғфару ҷавшанаш.

Фуруд омад аз асп Бежан чу гард,
Сари марди ҷангӣ зи тан дур кард.

Силеҳу сару аспи он номҷӯй
Биёвард, сӯи падар кард рӯй.

Дили Гев аз он ҷанг буд пур зи дард,
Ки чун гардад он бож рӯзи набард.

Хурӯшону ҷӯшон бад-он дидгоҳ,
Ки то гарди Бежан баромад[3] зи роҳ.

Ҳаме омад аз роҳ пури ҷавон,
Сару ҷавшану аспи он паҳлавон.

1. Л – Балошони.
2. М – Дарида тану.
3. ИЛ – кай ояд.

www.sattor.com

Биёварду бинҳод пеши падар,
Бад-ӯ гуфт: «Пирӯз бош, эй писар!»[1]

Бирафтанд бо шодмонӣ зи ҷой,
Ниҳоданд сар сӯи пардасарой.

Биёвард пеши сипаҳбад сараш,
Ҳамон аспу ҳам ҷавшану миғфараш.

Чунон шод шуд з-он сухан паҳлавон,
Ки гуфтӣ барафшонд хоҳад равон.[2]

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй пури пушти сипоҳ
Сари номдорони[3] дайҳими шоҳ.

Ҳамеша бизӣ шоду бартарманиш,
Зи ту дур бодо бади бадкуниш!»[4]

БА ТАНГ ОМАДАНИ ЭРОНИЁН АЗ БОРИДАНИ БАРФ

В-аз он пас хабар шуд ба Афросиёб,
Ки шуд марзи Турон чу дарёи об.

Сӯи Косарӯд андаромад сипоҳ,
Замин[5] шуд зи кини[6] Сиёвуш сиёҳ.

---

1. И – б. 1014 нест.
   ТПЗ – Яке кор кардӣ, ки то ҷовидон
   Бигӯянд гурдону ҳам мӯбадон.
   Чу огаҳ шавад з-ин сухан шаҳрёр,
   Шавад тоза ҳамчун гул андар баҳор.
2. И – б. 1017 нест.
3. ИЛ – номдорону.
4. ТПЗ – Абар Геви Гударз бод офарин,
   Ки дорад чу ту номдори гузин.
5. И – Ҷаҳон.
6. ИЛ – пури.

www.sattor.com

Сипаҳбад ба Пирони солор гуфт,
Ки «Хусрав сухан баркушод аз нуҳуфт.[1]

Магар, к-ин суханро пазира шавем,
Ҳама бо дурафшу табира шавем.

В-агарна зи Эрон биёяд сипоҳ,
На хуршед бинем равшан, на моҳ,

Бирав лашкар овар[2] зи ҳар сӯ фароз,
Набояд, ки гардад суханҳо дароз».[3]

В-аз ин сӯ баромад яке тундбод,
Ки касро зи[4] Эрон набуд ҷанг[5] ёд.

Яке тундабр*[6] андаромад чу гард[7]
Зи сардӣ ҳамон[8] лаб ба ҳам барфи сард.

Саропардаву хаймаҳо гашт ях,
Кашид аз бари кӯҳ бар барф нах.

Ҳама кишвар аз барф шуд нопадид,
Ба як ҳафта кас рӯи ҳомун надид.

Хуру хобу оромгаҳ танг шуд,
Ту гуфтӣ, ки рӯи замин санг шуд.

Касеро набуд ёди рӯзи набард,
Ҳаме аспи ҷангӣ бикушту бих(в)ард.

1. Л – б. 1022 нест.
2. Л – Бад-ӯ лашкар омад.
3. Л – Ҳама номдорону гарданфароз.
4. Л – аз.
5. Л – ҳеч.
6. М – абр танг.
7. Л – бурд.
8. Л – ҳаме.

www.sattor.com

Табаҳ шуд басе[1] мардуму чорпой,
Якеро набуд хинги ҷангӣ ба ҷой.

Ба ҳаштум баромад баланд офтоб,
Ҷаҳон шуд саросар чу дарёи об.

Сипаҳбад сипаҳро ҳаме гирд кард,
Ҳаме гуфт чанде зи рӯзи набард.

Ки «Эдар табаҳ шуд зи тангӣ сипоҳ,
Сазад, гар биронем аз эдар ба роҳ.[2]

Мабодо, бар ин буму барҳо дуруд,
Калоту Сипадкӯҳ то Косарӯд».

Зи гурдон сарафроз Баҳром гуфт,
Ки «Ин бар сипаҳбад нашояд нуҳуфт.

Ту моро ба гуфтор хомуш кунӣ,
Ҳама[3] размИ пури Сиёвуш кунӣ.

Макун, гуфтамат, к-ин чунин нест рост,
Нигаҳ кун, к-аз ин кор чанде бикост.

Ҳанӯз аз бадӣ то чи ояд-т пеш,
Ба чарм-андар аст ин замон говмеш».

Сипаҳбад чунин гуфт, к-«Озаргушасп
Набуд номвартар зи ҷангӣ Зарасп.

1. И – гашт бас.
2. ИЛ – ин размгоҳ.
3. Л – Ҳаме.

www.sattor.com

На бар бегунаҳ кушта омад Фуруд,
Набишта чунин буду буд, он чи буд.[1]

Ба лашкар нигаҳ кун, ки чун Ревниз
Кӣ бинӣ ба мардиву дидор низ?

Маро ҷом аз ӯ пурмаю шир буд,
Ҷавоне ба боло, суханпир буд.[2]

Кунун аз гузашта наёрем ёд,
Ба бедод кушта шуд ӯ, ё ба дод.[3]

Чу хилъат ситад Гев аз подшоҳ,
Ки он кӯҳи ҳезум бисӯзад зи роҳ.

Кунун ҳаст ҳангоми он сӯхтан,
Ба оташ сипеҳре барафрӯхтан.

Кушода шавад роҳи лашкар магар,
Ки бошад сипаҳро бар он раҳ*[4] гузар.»

Бад-ӯ гуфт Гев: «Ин сухан ранҷ нест,
Агар ҳаст ҳам*[5] ранҷ, беганҷ нест».

Ғамӣ гашт Бежан бар ин достон,
«Набошам бад-ин, –гуфт, -ҳамдостон.

Ба ранҷу ба сахтӣ бипарвардиям,
Ба гуфтор ҳаргиз наёзурдиям,

---

1. ТП – Агар буд ӯро зи шоҳон нажод,
Зараспи диловар набуд девзод.
2. Л –б. 1044 нест.
3. ТПЗ – Дигар гуфт Туси сипаҳбаднажод
Бад-он номдорони бофарру дод.
4. М –Бибошад сипаҳро бар ӯ-бар.
5. М –ҳам бувад.

www.sattor.com

Маро бо ҷавонӣ набояд нишаст,
Ба пирӣ камар бар миёни ту баст».[1]

Бад-ӯ гуфт Гев: «Он чи ман сохтам,
Бад-ин кор гардан барафрохтам.

Ҳанӯз,*[2] эй писар, гоҳи ороиш аст,
На ҳангоми пириву бахшоиш аст.

Бад-ин рафтани ман мадор эч ғам,
Ки ман кӯҳи хоро бисӯзам ба дам».

Ба сахтӣ гузашт аз дари Косарӯд,
Ҷаҳонро яху барф буд тору пуд.

Чу омад бад-он кӯҳи ҳезум фароз,
Надонист болову паҳнош боз.

Зи пайкон яке оташ андарфурӯхт,[3]*[4]
Ба кӯҳ-андар афканду ҳезум бисӯхт.

Зи таффи забона, зи боду зи дуд
Се ҳафта ба оташ гузаршон набуд.

Ҷаҳорум сипаҳ баргузаштан гирифт,
Аз он обу оташ ба гаштан гирифт.[5]*[6]

1. ТПЗ – Маро бурд бояд бар ин ранҷ даст,
Набояд ту бо ранҷу ман дар нишаст.
2. М –Кунун.
3. ИЛ –оташе барфурӯхт.
4. М –пайкони тир оташе барфурӯхт.
5. Л –танг лашкар гузаштан гирифт.
6. М –Ҳамон обу оташ нишастан гирифт.

www.sattor.com

ГИРИФТАНИ БАҲРОМ КАБУДАРО

Сипаҳбад чу лашкар бар ӯ гирд шуд,
Аз оташ ба роҳи Гиравгирд шуд.

Сипоҳ андаромад, чунон чун сазад,
Ҳама кӯҳу ҳомун саропарда зад.

Чунон чун бибоист, барсохтанд,
Зи ҳар сӯ талоя бурун тохтанд.[1]

Гиравагирд будӣ нишасти Тажов,
Саворе, ки будиш бо шер тов.[2]

Фасила бад-он ҷойгаҳ доштӣ,
Чунон кӯҳ то кӯҳ бугзоштӣ.

Хабар шуд, ки омад зи Эрон сипоҳ,
Гала бурд бояд ба як сӯ зи роҳ.

Фиристод гурде ҳам андар шитоб
Ба наздики чӯбони Афросиёб.

Кабуда будаш ному шоиста буд,
Ба шоистагӣ низ боиста буд.

Бад-ӯ гуфт чун тира гардад сипеҳр,
Ту з-эдар бирав, ҳеч манмой чеҳр.

Нигаҳ кун, ки чанд аст аз Эрон сипоҳ,
Бубин, то кӣ дорад дурафшу кулоҳ.

К-аз эдар бар эшон шабехун кунем,
Ҳама кӯҳу ҳомун пур аз хун кунем.

1. Л –бипардохтанд.
2. И –б. 1063, 1064 нест.

www.sattor.com

Кабуда биёмад чу деви сиёҳ
Шаби тира наздики эронсипоҳ.[1]

Талоя шаби тира Баҳром буд,
Камандаш сари пилро дом буд.

Баровард аспи Кабуда хурӯш,
Зи лашкар барафрохт Баҳром гӯш.

Камонро ба зеҳ карду бифшорд[2] рон,
Баромад зи ҷо он ҳаюни гарон.

Яке тир букшоду накшод лаб,
Кабуда набуд ҳеч пайдо зи шаб.

Бизад бар камарбанди чӯбони шоҳ,
Ҳаме гашт ранги Кабуда сиёҳ.

Зи асп андарафтоду зинҳор хост,
Бад-ӯ гуфт Баҳром: «Баргӯй рост,

Ки эдар фиристодаи ту кӣ буд?
Киро хостӣ з-ин далерон бисуд?»

Ба Баҳром гуфт: «Ар диҳӣ зинҳор,
Бигӯям туро,*[3] ҳар чи пурсӣ зи кор.

Тажов аст шоҳу фиристандаам,
Ба наздики ӯ ман парастандаам.

Макуш мар маро, то намоям-т роҳ
Ба ҷое, ки дорад вай оромгоҳ».

1. И -1071, 1072 нест.
2. ИЛ –бифшурд.
3. М –ҳама.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт Баҳром: «Бо ман Тажов
Чунон дон, ки бо шери дарранда гов».[1]

Сарашро ба ханҷар бибуррид паст,
Ба фитроки зини каёнӣ бубаст.

Ба лашкаргаҳ оварду бифканд хор,
На номоваре буд, на гурде савор.

Баромад хурӯши хурӯсу чаков,
Кабуда наёмад ба назди Тажов.

Ғамӣ шуд дили марди пархошҷӯй,
Бидонист к-ӯро бад омад ба рӯй.[2]

Сипоҳе, ки буданд бо ӯ, бихонд,
В-аз он ҷойгаҳ тез лашкар биронд.

РАЗМИ ЭРОНИЁН БО ТАЖОВ

Чу хуршед барзад ба ҳомун дурафш,
Дами шаб шуд аз ханҷари ӯ бунафш.

Тажови сипаҳбад бишуд бо сипоҳ,
Ба Эрон хурӯш омад аз дидгоҳ,

Ки омад зи Турон сипоҳе ба ҷанг,
Сипаҳбад наҳанге, дурафше ба чанг.

Зи гарданкашон пеши ӯ рафт Гев,
Тане чанд бо ӯ зи гурдони нев.

Барошуфту номаш бипурсид ӯй,
Чунин гуфт, к-«Эй марди пархошҷӯй,

1. ИЛ –Чу бо шери дарранда пайкори гов.
2. Л –б. 1087 нест.

www.sattor.com

Бад-ин моя мардум ба ҷанг омадӣ,
Гурозон ба ҷанги наҳанг омадӣ?»

1095 Чунин дод посух Тажови далер,
Ки «Ман зӯри пил дораму ҷанги шер.

Тажовам бувад ному мардафканам,
Сари шери ҷангӣ зи тан барканам.[1]

Нажодам ба гавҳар зи Эрон будаст,
Зи гурдону аз тухми шерон будаст.

Кунун марзбонам бад-ин ҷойгоҳ,*[2]
Гузини[3] бузургону домоди шоҳ».

Бад-ӯ гуфт Гев: «Он чи гуфтӣ, магӯй,
Ки тира шавад з-ин сухан обрӯй.

1100 Аз Эрон ба Турон чӣ ҷӯяд нишаст?
Магар хӯрданаш хун бувад ё кабаст.

Агар марзбониву домоди шоҳ,
Чаро бештар з-ин надорӣ сипоҳ?

Бад-ин моя лашкар ту тундӣ маҷӯй,
Ба тезӣ ба пеши далерон мапӯй,

Ки ин пурҳунар номдори далер
Сари марзбонон бидорад ба зер.

Гар эдун ки фармон кунӣ бо сипоҳ
Ба Эрон хиромӣ ба наздики шоҳ.

1. ИЛ –б. 1096 нест.
2. М –тахтгоҳ.
3. ЛМ –Нигини.

www.sattor.com

Кунун пеши Туси сипаҳбад шавӣ,
Бигӯиву гуфтори ӯ бишнавӣ,

Ситонам аз ӯ хилъату хоста,
Парастандаву аспи ороста.

Бидидам ман ин рост, эй родмард,
Чӣ гӯӣ, кунам рӯзи ҷангу набард».[1]

Тажови фиребанда гуфт: «Эй далер,
Дурафши маро кас наёрад ба зер.

Маро эдар акнун нигин асту гоҳ,
Ҳамон аспу ҳам гӯспанду сипоҳ.

Ҳамон низ шоҳе чу Афросиёб,
Ба[2] Эрон касе ин набинад ба хоб.

Парастору аз бодпоён гала,
Ба дашту дару кӯҳ карда яла.

Ту ин андакӣ лашкари ман мабин,
Маро бин ту бо гурз бар пушти зин.

Ман имрӯз бо ин сипаҳ он кунам,
Ки аз омадантон пушаймон кунам».

Чунин гуфт Бежан ба фаррух падар,
Ки «Эй номвар гурди пархошхар,

Сарафрозу бедордил паҳлавон,
Ба пирӣ на онӣ, ки будӣ ҷавон.

---

1. Л – Надидаст кас турки озодмард,
Чӣ гӯям кунун рӯзи нангу набард?

2. И –Аз.

www.sattor.com

Туро бо Тажов ин ҳама панд чист?
Бар ӯ-бар чунин меҳру пайванд чист?

Яке*[1] гурзу ханҷар бибояд кашид,
Дилу мағзи эшон бибояд дарид».

Барангехт аспу баромад хурӯш,
Ниҳоданд кӯполу ханҷар ба дӯш.

Яке тира гард аз миён бардамид,
Бар он сон, ки хуршед шуд нопадид.

Ҷаҳон гашт чун абри баҳман сиёҳ,
Ситора надиданд равшан, на моҳ.

Ба қалби сипоҳ-андарун Геви гурд,
Ҳаме аз ҳаво равшаноӣ бибурд.

Ба пеш-андарун Бежани тезчанг,
Ки ҳаргиз накардӣ ба коре диранг.

В-аз он рӯй бо тоҷ бар сар Тажов,
Ки будиш бо шери дарранда тов.

Ялонаш буд Аржангу Мардуи шер,
Ки ҳаргиз набуданд аз ҷанг сер.[2]

Басе барнаёмад бад-ин рӯзгор,
Ки Аржанги ял андаромад зи кор.

Ду баҳра зи туронийён[3] кушта шуд,
Сари бахти вожуна баргашта шуд.

1. М –Ҳаме.
2. ТПЗ – Ба ҷанг-андарун корашон буд танг,
Зи гурзу зи шамшери буррон ба ҷанг.
3. Л –туронсипаҳ.

www.sattor.com

Ҳаме шуд гурезон Тажови далер,
Пасаш Бежани номбардори шер.

Хурӯшону ҷӯшону найза ба даст,
Ту гуфтӣ, ки ғуррандапил аст[1] маст.

Яке найза зад бар миёни Тажов,
Намонд он замон бо Тажов эч тов.

Гироянда буд марду румӣ зиреҳ,
Наҷунбиду накшод банди гиреҳ.*[2]

Бияфканд найза, биёзид чанг,
Чу бар кӯҳ бар ғурм тозад паланг.

Бар он сон, ки шоҳин рабояд чаков,
Рабуд он гаронмоя тоҷи Тажов,

Ки Афросиёбаш ба сар барниҳод,[3]
Набудӣ ҷудо з-ӯ ба хобу ба ёд.[4]

Чунин то дари диж ҳаме тохт асп,
Пас андар-ш Бежан чу Озаргушасп.

Чу наздикии диж расид, Испанӯй[5]
Биёмад хурӯшон пур аз об рӯй.

---

1. ИЛ –шер аст.
2. М –Пас аз б. 1131 ин б. омада:
   Чу Бежан чунон дид, к-он бадгумон
   Раҳонид худро зи чанг он замон.
3. Л –Варо хонд бедори фаррухнажод.
4. Л –И. набӯй. И –Испапӯй.
5. ИЛ –б. 1136 нест.

www.sattor.com

Ба овоз гуфт Испанӯй: «Эй Тажов,
Сипоҳат куҷо ҳасту он зӯру тов?[1]

Ки бар ман чун ин пушт баргоштӣ,
Бар ин диж маро хор бугзоштӣ?

Сазад, к-аз пас-андар нишонӣ маро,
Дар ин диж ба душман намонӣ маро».

Тажови сарафрозро дил бисӯхт,
Ба кирдори оташ рухаш барфурӯхт.

Фароз Испаную Тажов аз нишеб,
Бад-ӯ дод дар тохтан як рикеб.

Чу бод Испанӯй аз пасаш барнишаст,
Биёвард дар гирдгоҳаш ду даст.[2]

Ҳаме тохт чун гард бо Испанӯй,
Сӯи роҳи Турон ниҳоданд рӯй.[3]

Замоне давид аспи ҷангӣ Тажов,
Намонд эч бо аспу бо мард тов.

Тажов он замон бо парастор гуфт,
Ки «Душвор кор омад, эй нек ҷуфт.

1. ТПЗ – Намонам бар ин ҷои пурҳавлу бок,
В-агарна ба дасти худам кун ҳалок.
2. ИМ –б. 1141 нест.
3. Л –ба ҷои б. 1140 -1142 ин б. омада:
Биёмад бараш Испанӯ, барнишаст,
Инони таковар бидодаш ба даст.
Савора шуд он сарфарози базеб,
Бад-ӯ дод дар тохтан дар рикеб.
Ҳаме тохт чун гард бо Испанӯй,
Пасаш номвар Бежани ҷангҷӯй.

www.sattor.com

Фурӯ монд ин аспи ҷангӣ зи кор,
Зи пас бадсигол омаду пеш ғор.[1]

Агар дур аз эдар ба Бежан расем,
Ба коми бадандеш душман расем.

Туро нест душман ба якборагӣ,
Бимон, то биронам ман ин борагӣ».

Фуруд омад аз пушти асп Испанӯй,
Тажов аз ғами ӯ пур аз об рӯй.

Биронд аспу шуд назди Афросиёб,
Пасаш Бежан - андар гирифта шитоб.[2]*[3]

Чу дид он рухи моҳрӯй Испанӯй,
Фурӯ ҳишта аз мушк то пой мӯй.

Расид андар он ҷой Бежан фароз,
Гирифташ мар он хубрухро ба ноз.

Паси пушти хеш-андараш ҷой кард,
Сӯи лашкари паҳлавон рой кард.

Ба шодӣ биёмад ба даргоҳи Тӯс,
Зи даргоҳ бархост овои кӯс,

Ки бедордил марди ҷангӣ савор,
Дамон бо шикор омад аз корзор.

---

1. ТПЗ – Яке чора бояд ҳаме сохтан,
Ки душман биёсояд аз тохтан.
2. И –б. 1149 нест.
ТПЗМ – Сабуксор гашт аспу тундӣ гирифт,
Пасаш Бежани Гев кундӣ гирифт.
3. М –б. 1149 нест.

www.sattor.com

Сипаҳдору гурдони пархошҷӯй
Ба вайронии диж ниҳоданд рӯй.

В-аз он пас бирафтанд сӯи гала,
Куҷо буд дар дашти Турон яла.

Гирифтанд ҳар як каманде ба чанг,
Чунон чун бувад този мардони ҷанг.

Ба хам андаромад сари борагӣ,
Биёрост лашкар ба якборагӣ,

Нишастанд бар ҷойгоҳи Тажов
Саворони Эрон пур аз хашму тов.[1]

ОГОҲ ШУДАНИ АФРОСИЁБ АЗ ТУС ВА СИПОҲИ Ӯ

Тажови ғамӣ бо ду дида пуроб
Чу омад*[2] ба наздики Афросиёб,

Чунин гуфт, к-«Омад сипаҳдор Тус,
Яке лашкар овард бо бӯқу кӯс.[3]

Палошону он номдорони мард
Ба хок андаромад сароншон ба дард.

1. Л –б. 1159 нест.
2. М –Биёмад.
3. ТПЗ – Барòростам размӣ он номдор,
Саранҷом баргаштам, эй шаҳрёр.
Басе сарваронро сар омад ба гард,
Ҳама дудмон ғорату барда кард.
На диж монд эдар, на аспу на марз
Нишастан надорад бар ин буму арз.*
В-аз он диж бирафтанд сӯи гала,
Бибурданд аспон, ки будӣ яла.

* И –танҳо ҳамин б. мавҷуд аст.

www.sattor.com

Ҳама буму марз оташ андарзаданд,
Фасила саросар ба ҳам барзаданд».

Чу бишнид Афросиёб ин сухун,
Ғамӣ гашту пас чора афканд бун.

Ба Пирони Виса чунин гуфт шоҳ,
Ки «Гуфтам, биёвар зи ҳар сӯ сипоҳ,

Диранг оваридӣ ту аз коҳилӣ,
Сабаб пирӣ омад ва гар баддилӣ?

Басе хешу пайванди мо кушта*[1] шуд,
Сари бахти бедор баргашта*[2] шуд.

Кунун нест имрӯз ҷои диранг,
Ҷаҳон гашт бар марди бедор танг».

Сипаҳдор Пирон ҳам андар шитоб
Бурун омад аз пеши Афросиёб.

Зи ҳар марз мардони ҷангӣ бихонд,
Силеҳу дирам доду лашкар биронд.[3]

Чу омад зи паҳлӯ бурун паҳлавон,
Ҳама номзад кард ҷои гавон.

Сӯи маймана Бормону Тажов,
Саворон, ки доранд бо шер тов.

---

1. М –барда.
2. М –Басе марди некахтар озурда.
3. ТПЗ – Сипаҳро ҳама яксар обод кард,
Дили сарфарозон бад-он шод кард.
В-аз он пас ҳама ҷангро сохтанд,
Ба кина ҳама гардан афрохтанд.

www.sattor.com

Чу Настеҳани гурд бар майсара
Куҷо шер будӣ ба чангаш бара.

Ҷаҳон шуд пур аз нолаи каррной,
Зи нолидани санҷу*[1] ҳиндидарой.

Ҳаво сар ба сар сурху зарду бунафш,
Зи бас найзаву гуна-гуна[2] дурафш.[3]

Зи дарё ба дарё набуд ҳеч роҳ,
Зи аспу зи пилу ҳаюну сипоҳ.

Ҳаме кард Пирон ба рафтан шитоб,
Аз айвон ба дашт омад Афросиёб.

Сипаҳро якояк ҳама баршумурд,
Ки чанд аст ҷангӣ сарафроз гурд.

Шумори сипаҳ омадаш сад ҳазор,
Ҳама шермардони оҳангузор.[4]

Чунон шоддил гашту равшанравон,
Басе[5] офарин хонд бар паҳлавон,

Ки рафтӣ ба пирӯзиву шодмон,
Мабинод чашмат балои замон![6]*[7]

---

1. М –нӯфидани кӯсу.
2. ТПЗЛМ – Сипоҳе зи ҷанговарон* сад ҳазор
   Ниҳода ҳама сар сӯи корзор.
   * Сипоҳиву ҷанги танг.
3. ИЛМ –гунагун найзаҳову.
4. И -1178, 1179 нест. Л –б. 1179 нест.
5. ИМ –Куҷо. Л –Ҳаме.
6. ТПЗ – Ба рӯзи хуҷаста сипаҳро биронд,
   Сипаҳбад бирафту ҷаҳонбон бимонд.
7. М – Ки пирӯз рафтиву шод омадӣ,
   Мабинод чашми ту ҳаргиз бадӣ!

www.sattor.com

Ҳаме рафт лашкар гурӯҳогурӯҳ,
На буд дашт пайдо, на дарё, на кӯҳ.

Бифармуд Пирон, ки «Бераҳ равед,
Аз эдар сӯи роҳи кӯтаҳ равед.

Набояд, ки ёбанд худ огаҳӣ
Аз ин номдорони бофарраҳӣ.

Магар ногаҳон бар сари он гурӯҳ
Фуруд орам ин гашнлашкар чу кӯҳ».[1]

Бурун кард корогаҳон ногаҳон,
Ҳаме ҷуст бедор кори ҷаҳон.

Ба тундӣ ба роҳ андаровард рӯй,
Ба сӯи Гиравгирд шуд ҷангҷӯй.

Хабар шуд аз эшон ба корогаҳон,
Ба Пирон бигуфтанд як-як меҳон.

Нишаста ба як ҷо сипаҳдор Тус,
Зи лашкар набархост овои кӯс.[2]

Ки эшон ҳама майгусоранду маст,
Шабу рӯз бошанд бо май ба даст.[3]

Саворе талоя надорад ба роҳ,
Беандеша аз кори туронсипоҳ,

Чу бишнид Пирон, ялонро бихонд,
Зи лашкар фаровон суханҳо биронд.

1. И –б. 1183 -1185 нест.
2. Л –б. 1189 нест.
3. ТПЗ – Миёни Сарахс асту Бовард Тус,
Зи Бовард бархост овои кӯс.

www.sattor.com

Ки «Дар ҷанг моро чунин дастгоҳ
Набудаст ҳаргиз ба эронсипоҳ».[1]

ШАБЕХУН КАРДАНИ ПИРОН БАР ЭРОНИЁН

Гузин кард он лашкари номдор
Саворони шамшерзан сӣ ҳазор.

Бирафтанд ниме гузашта зи шаб,
На бонги табира, на бӯқу ҷалаб.

Чу солори бедор*[2] лашкар биронд,
Миёни ялон ҳафт фарсанг монд.

Нахустин расиданд пеши гала,
Куҷо буд дар[3] дашти Турон яла.

Гирифтанд бисёру бурданд низ,
Намонд*[4] аз бади бахт монида[5] чиз.

Галадору чӯбон ҳама[6] кушта шуд,
Сари бахти эрониён гашта шуд.

В-аз он ҷойгаҳ сӯи эронсипоҳ
Бирафтанд бар сони абри[7] сиёҳ.

Ҳама маст буданд эрониён,
Гурӯҳе нишаста, кушода миён.

1. И –б. 1192 -1193 нест.
2. М –пирони бедор.
3. ИЛ –бар.
4. М –Набуд.
5. Л –монанди.
6. ИЛ –басе.
7. ИЛ –гарди.

www.sattor.com

Ба хайма-дарун Гев бедор буд,
Сипаҳдор Гударз ҳушёр буд.

Хурӯш омаду бонги захми табар,
Саросема шуд Геви пархошхар.

Ба зин буд дар пеши пардасарой
Яке аспи баргустувонвар ба пой.

Ба тан-бар бипӯшид Геви далер
Силоҳи Сиёвахши чун наррашер.[1]*[2]

Барошуфт бар хештан чун паланг,
Зи хобу зи осоиш омад-ш нанг.

Ҳаме гуфт: «Бархез, имшаб чӣ буд,
Ки мағзам зи пайкор шуд пур зи дуд.»

Биёмад, ба асп андаровард пой,
Ба кирдори бод андаромад зи ҷой.

Зи гарду зи шаб осмон тира дид,
Ба пардасарои сипаҳбад расид.

Бад-ӯ гуфт: «Бархез, к-омад сипоҳ,
Ба хоб-андаранд он далерони шоҳ.

В-аз он ҷойгаҳ шуд ба*[3] назди падар,
Ба ҷанг-андарун гурзаи говсар.

---

1. ИЛ –б. 1205 нест.
   ТПЗЛМ – Зи хайма биёмад сӯи корзор,
   Зи мастӣ баяфтод ҷангӣ савор.*
   * Л -Бар ӯ баршитобид ҷангӣ савор.
2. М –б. 1205 нест.
3. М –тунд.

www.sattor.com

Ҳаме гашт бар гирди лашкар чу дуд,
Барангехт онро, ки ҳушёр буд.

Яке ҷанг бо Бежан афканд пай,
Ки ин ҷои ҷанг аст, ё ҷои май?

Сипоҳ андаромад ба гирди сипоҳ,
Яке бонг бархост бар размгоҳ.

Саросема шуд маст аз дору гир,
Баромад яке абру борон-ш тир.

Ба зери сари маст болини нарм,
Зи бар теғу шамшеру кӯполи гарм.

Сапеда чу барзад сар аз бурҷи шер,
Ба лашкар нигаҳ кард Геви далер,

Ҳама дашт аз эрониён кушта дид,
Сари бахти бедор баргашта дид.[1]

Ҳаме кард Гударз ҳар сӯ нигоҳ,
Зи душман бияфзуд ҳазмон сипоҳ.

Бад-он андакӣ баркашиданд нах
Сипоҳе бар кирдори мӯру малах.

Сипаҳбад нигаҳ кард,[2] гурдон надид,
Зи лашкар далерону мардон надид.[3]

1. И –Замин сар ба сар хун, гил оғишта дид.
2. Л –Сипаҳро нигаҳ карду.
3. И –б. 1219 -1221 нест.
ТПЗ - Ба ҷуз Геву Гударзу чанде савор,
Ки буданд бо ранҷ дар корзор,
Ҳама размгаҳ сар ба сар кушта дид,
Замин сар ба сар чун гил оғишта дид.

www.sattor.com

Дарида дурафшу нагунсор[1] кӯс,
Рухи зиндагон гашта чун обнӯс.

Падар беписар буд, писар бепадар,
Ҳама лашкари гашн зеру забар[2]

Чунин омад*[3] ин гунбади тезгард,
Гаҳе шодмонӣ диҳад, гоҳ дард.

Ба бечорагӣ пушт баргоштанд
Саросемаву[4] хайма бугзоштанд,

На лашкар, на кӯсу на бору буна,
Ҳама майсара хаставу маймана.

Аз он гуна лашкар сӯи Косарӯд
Бирафтанд бемояву тору пуд.

Саворони туркон паси пушти Тус,
Равон пур зи кину забон пурфусӯс.

Ҳаме гурз борид гуфтӣ зи абр,
Паси пушт, бар ҷавшану хӯду габр[5]

Набуд кас ба ҷанг-андарун пойдор,
Ҳама кӯҳ карданд гурдон ҳисор[6]

Фурӯ монда мардону аспони ҷанг,
Якеро набуд ҳушу тӯшу диранг.

1. И –нагун карда.
2. ИЛ –б. 1223 нест.
3. М –аст.
4. ИЛ –Саропардаву.
5. Л –кабр.
6. И –б. 1929, 1930 нест.

www.sattor.com

Сипаҳ аз бари кӯҳ гаштанд боз,
Шуда монда аз разму роҳи дароз.

Зи ҳомун сипаҳбад чу бар кӯҳ шуд,
Зи пайкори туркон беандӯҳ[1] шуд.

Фаровон кам омад зи эрониён,
Баромад хурӯше бадард[2] аз миён.

Ҳама хаставу баста буд, он ки зист,
Бар он хаставу баста бояд гирист.

На тоҷу на тахту на пардасарой,
На аспу на мардони ҷангӣ ба пой,

На ободбуму на парвардгор,
На он хастагонро*[3] касе хостор.

Писар бар падар зор[4] гирён шуда,
В-аз он хастагон низ бирён[5] шуда.

Чунин аст оину расми ҷаҳон,
Ки кирдори хеш аз ту дорад ниҳон.

Куҷо*[6] бо ту дар парда бозӣ кунад,
Зи тезиву аз бениёзӣ кунад.

Ба ранҷи[7] дарозему дар ҷанги оз,
Чӣ донем*[8] боз ошкоро зи роз.

1. И –пурандӯҳ.
2. ЛМ –баланд.
3. М – куштагонро.
4. ИЛ –чанд.
5. Л –беҷон.
6. М –ҳаме.
7. ИЛ –шуғли.
8. М –Надонем.

www.sattor.com

Зи бод омадӣ, рафт хоҳӣ ба гард,
Чӣ донӣ, ки бо ту чӣ хоҳанд кард?[1]

Ду баҳра аз эрониён кушта буд,[2]
Дигар хаста аз ҷанг баргашта буд.[3]

На он хастагонро ба болин пизишк,
Ҳама ҷои ғам буду хунин сиришк.

Сипаҳбад зи пайкор девона гашт,
Дилаш бо хирад ҳамчу бегона гашт.[4]

Ҷаҳондида Гударз бо пирсар
На пуру набера, на буму на бар.

Ҷаҳондидагон пеши ӯ омаданд,
Шикастадилу роҳҷӯ омаданд.

Яке дидбон бар сари кӯҳ кард,
Куҷо дидабон сӯи анбӯҳ кард.

Талоя ҳаме гашт*[5] бар ҳар суе,
Магар ёбад он дардро доруе.

Яке номдоре аз эрониён
Бифармуд, то танг бандад миён,

Диҳад шоҳро огаҳӣ з-он сухун,
Ки солори лашкар чӣ афканд бун.

---

1. Л –б. 1242 нест.
2. Л –шуд.
3. Л –шуд.
4. ТПЗИЛ– Ба лашкаргаҳ андар маю хобу базм
   Сипаҳ орзу кард бар ҷои разм.
   Чӣ хобе, ки чандон замон баргузашт,
   На ҷунбид як тан, на бедор гашт.
5. М –фиристод.

www.sattor.com

Чӣ рӯзи бад омад ба эрониён,[1]
В-аз ин кина ҷустан чӣ омад зиён.[2]

БОЗХОНДАНИ КАЙХУСРАВ ТУСРО

Раванда бари шоҳ бурд огаҳӣ,
Ки тира шуд он рӯзгори беҳӣ.

Чу шоҳи далер он суханҳо шунид,
Биҷӯшиду аз ғам дилаш бардамид.

1255 Зи кори бародар пур аз дард буд,
Бар он дард-бар дарди лашкар фузуд.

Забон кард гӯё ба нафрини Тус
Шаби тира то гоҳи бонги хурӯс.

Дабири хирадмандро[3] пеш хонд,
Дил оганда будаш, ҳама барфишонд.

Яке нома бинвишт дил пур зи хашм
Ба сӯги бародар пур аз об чашм

Ба сӯи Фарибурзи Ковусшоҳ,
Яке назди пурмоягони сипоҳ.[4]

1260 Сари нома буд аз нахуст офарин
Бад-он, к-офаридаш замону замин.

Ба номи Худованди хуршеду моҳ,
Ки ӯ дод бар неку бад дастгоҳ.

1. И –гударзиён.
2. Л –Саронро зи бахшиш сар омад зиён.
3. ИЛ –ҷаҳондидаро.
4. Л б. 1259 нест.

www.sattor.com

В-аз ӯяст пирӯзиву ҳам шикаст,
Ба неку ба бад з-ӯ бувад кому даст.

Ҷаҳону макону замон офарид,
Паи мӯру кӯҳи гарон офарид.

Хирад доду ҷону тани зӯрманд,
Бузургиву дайҳиму тахти баланд.

Раҳоӣ наёбад[1] сар аз банди ӯй,
Якеро бувад фарру авранди ӯй

Якеро дигар шӯрбахтӣ бувад,*[2]
Ниёзу ғаму дарду[3] сахтӣ бувад.*[4]

Зи рахшанда хуршед то тира хок
Ҳама дод бинам зи Яздони пок.

Бишуд Тус бо ковиёнӣ дурафш,
Зи лашкар чиҳил марди զарринакафш.

Ба Турон фиристодамаш бо сипоҳ,
Бародар шуд аз кин нахустин табоҳ.

Ба Эрон чунон низ меҳтар мабод,
Бар он гуна солори лашкар мабод!

Дареғ он бародар Фуруди ҷавон,
Сари номдорону пушти гавон.

Зи кори падар зору гирён будам,
Пур аз дард якчанд бирён будам.

1. Л –надорад.
2. М –диҳад.
3. И –ранҷу.
4. М –диҳад.

www.sattor.com

Кунун бар бародар бибояд гирист,
Надонам маро душману дӯст кист.

Нашав, - гуфтам ӯро ба роҳи Чарам,
Мазан бар Калоту Сипадкӯҳ дам,

Ки он ҷо Фуруд асту бо модар аст,
Гави кайнажод асту[1] кундовар аст.[2]

Надонад, ки ин лашкар аз бун киянд?[3]
Аз эронсипоҳанд ё худ чиянд?[4]

Бурун ояду дарнасозад ҳаме,
Ба ҷанг-андарун сар бибозад ҳаме.[5]

Дареғ ончунон гурди хусравнажод,
Ки Туси фурӯмоя додаш ба бод.

Агар пеш аз ин ӯ сипаҳбад будаст.
Ба Ковусшоҳ[6] ахтари бад будаст.

Ба разм-андарун низ хоб оядаш,
Чу бо май нишинад, шитоб оядаш.

Ҳунарҳо ҳама нест наздики ӯй,
Мабодо чунон ҷони торики ӯй!

1. И – Каси бонажод асту.
2. ИЛ – богавҳар аст.
3. ИЛМ – они кият.
4. ИЛМ – Аз Эрон бар ин раҳ барои чияст.
5. ИЛ – б. 1277 нест.
ТПЗМ – Аз он кӯҳ ҷанг оварад бегумон,
Фаровон саронро сар ояд замон.
6. И – Бари гоҳи шоҳ.

www.sattor.com

Чу нома бихонӣ ҳам*[1] андар шитоб,
Зи дил дур кун хӯрду орому хоб.

Сабук Тусро бозгардон ба ҷой,
Зи фармон магарду мазан ҳеч рой.

Сипаҳдору солори зарринакафш
Ту бошӣ бари[2] ковиёнӣ дурафш.[3]

Сарафроз Гударз аз он анҷуман
Ба ҳар кор бошад туро ройзан.

Макун ҳеч бар ҷанг ҷустан шитоб,
Зи май дур бошу мапаймой хоб.

Ба тундӣ маҷӯй эч разм аз нахуст,
Ҳаме бош, то хаста гардад дуруст.

Туро пешрав Гев бошад ба ҷанг,
Ки бо фарру бурз асту чанги паланг.[4]

Фароз овар аз ҳар сӯе сози разм,
Мабодо, ки ояд туро рои базм.

Ниҳоданд бар нома-бар мӯҳри шоҳ,
Фиристодаро гуфт, "Баркаш ба роҳ.

Маёсо зи рафтан шабу рӯз ҳеч,
Ба ҳар манзиле аспи дигар басеч!"

Биёмад фиристодае з-ин нишон
Ба наздики он номвар паҳлавон.

---

1. М – ин нома бархонӣ.
2. И – абар.
3. Л – б. 1284 нест.
4. И – б. 1288 нест.

www.sattor.com

Ба назди Фарибурз шуд номдор,*[1]
Бидод он замон номаи шаҳрёр.*[2]

Фарибурз Тусу ялонро бихонд,
Зи кори гузашта фаровон биронд.

Ҳамон номвар Геви[3] Гударзро,
Далерону[4] гурдони он марзро.

Чу бархонд[5] он номаи шаҳрёр,
Ҷаҳонро дарахти нав омад ба бор.

Бузургону шерони Эронзамин
Ҳама шоҳро хонданд офарин.

Сипаҳдор Тус он каёнӣ дурафш,[6]
Або кӯсу пилону зарринакафш

Ба дасти Фарибурз биспурду гуфт,
Ки «Омад, сазоро сазовор ҷуфт.

Ҳамасола бахти ту пирӯз бод,
Ҳама рӯзгори ту Наврӯз бод!»

Бирафту бибурд он, ки буд нӯзарӣ,
Саворони ҷанговару лашкарӣ.

Ба раҳ-бар накард эч гуна диранг,
Ба наздики шоҳ омад аз дашти ҷанг.

1. М – нома дод.
2. М – Бузургон аз он нома гаштанд шод.
3. Л – Ҳама номҷӯёну.
4. ИЛМ – Саворону.
5. И – хонданд.
6. Л – Биёвард Тус он гиромидурафш.

www.sattor.com

Заминро бибӯсид дар пеши шоҳ,
Накард эч Хусрав бад-ӯ-дар нигоҳ.

Ба дашном букшод лаб шаҳрёр,
Бар он анҷуман Тусро кард хор.

В-аз он пас бад-ӯ гуфт, к-«Эй баднишон,
Туро ном гум бод аз саркашон.

Натарсӣ ҳаме аз ҷаҳондори пок,
Зи гурдон наёмад туро шарму бок.

Каёнӣ кулоҳу камар додамат,
Ба пайкори душман фиристодамат.[1]*[2]

Нагуфтам*[3] марав сӯи роҳи Чарам?
Бирафтиву додӣ дили ман ба ғам.

Нахустин ба кини ман оростӣ,
Нажоди Сиёвахшро[4] костӣ.

Бародар-сарафрози ҷангӣ Фуруд,
Ки чун ӯ дигар дар замона набуд,

Бикуштӣ касеро, ки дар корзор
Чу ту дашкаре хостӣ рӯзгор.[5]

1. ИЛ – б. 1307 нест.
2. М – б. 1307 нест.
3. М – Бигуфтам.
4. Л – Сиёвушро.
5. ТПЗИ – Сазовори мисмориву банду ғул,
Наӣ дархури тоҷу дайҳиму мул.
Дареғо, ки нокордида Тахор
Гирифт он суханҳои душвор хор.
Вагарна ба ҷои тани борагӣ,
Тани Тус ҳастӣ ба якборагӣ.
Замона бирастӣ зи ошӯби Тус,
Ки нафрин бар ӯ боду бар пилу кӯс.

www.sattor.com

Аз он пас, ки рафтӣ бад-он корзор,[1]
Набудат ба ҷуз ромишу базм кор.[2]

Туро ҷойгаҳ нест дар шорсон,
Гиреҳ боядат банду[3] беморсон.

Туро пеши озодагон кор нест,
Куҷо мар туро рои ҳушёр нест.[4]

Нажоди Манучеҳру риши сафед
Туро дод бар зиндагонӣ умед.

В-агарна бифармудаме, то сарат
Бадандеш кардӣ ҷудо аз барат.

Бирав, ҷовидон хона зиндони туст,
Ҳамон гавҳари бад нигаҳбони туст».

Зи пешаш биронду бифармуд банд,
Ба банд аз дилаш бехи шодӣ биканд.

ДИРАНГ ХОСТАНИ ФАРИБУРЗ АЗ ПИРОН ДАР ҶАНГ

Фарибурз бинҳод бар сар кулоҳ,
Ки ҳам паҳлавон буду ҳам пури шоҳ.[5]

В-аз он пас бифармуд Руҳҳомро,
Ки пайдо кунад богуҳар номро.

1. ИЛМ – сӯи размгоҳ.
2. ИЛМ – базмгоҳ.
3. ЛМ – Туро банд беҳтар ба.
4. Л – б. 1314 нест.
5. ТПЗ – Чу Туси сипаҳбад зи лашкар бирафт,
Ғамӣ рух сӯи хона бинҳод тафт.

www.sattor.com

Аз[1] он кӯҳ наздики Пирон шавад,
Фаровон бигӯяд сухан[2], бишнавад.

Бад-ӯ гуфт: «Рав, пеши*[3] Пирон хиром
Яке хуб наздики ӯ бар паём.

Бигӯяш, ки кирдори гардонсипеҳр
Ҳамеша чунин буд бо кину[4] меҳр.

Якеро барорад ба чархи баланд,
Якеро кунад хору зору нажанд.

Касе, к-ӯ балоҷӯи гурдон[5] бувад.
Шабехун на оини мардон[6] бувад.

Шабехун наҷӯянд кундоварон,
Касе, к-ӯ гирояд ба гурзи гарон.

Ту гар бо дирангӣ, диранг оварем,
В-арат рои ҷанг аст, ҷанг оварем.

Яке моҳ бояд замони диранг,
Ки то хастагон бозёбанд ҷанг».[7]

Зи пеши Фарибурз Руҳҳоми гурд
Бурун рафту пайғоми нома бибурд.

Биёмад, талоя бидидаш ба роҳ,
Бипурсидаш аз ном в-аз ҷойгоҳ.

1. ИЛ – В-аз.
2. Л – в-аз ӯ. И – аз ӯ.
3. М – наздики.
4. Л – доду. И – дарду.
5. Л - мардон.
6. Л - кирдори гурдон.
7. ИЛ –б. 1328 нест.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт: «Руҳҳоми ҷангӣ манам,
Ҳунарманду бедору сангӣ манам.

Паёми Фарибурзи Ковусшоҳ
Ба Пирон расонам бад-ин ҷойгоҳ».[1]

Зи пеши талоя саворе чу гард
Биёмад, суханҳо ҳама ёд кард,

Ки «Руҳҳоми Гударз аз он размгоҳ
Биёмад бари паҳлавони сипоҳ».

Бифармуд, то пеши ӯ оваранд,
Кушодадилу тозарӯ оваранд.

Сароянда Руҳҳом шуд пеши ӯй,
Ба тарс аз ниҳони бадандеши ӯй.

Чу Пирон варо дид, бинвохташ,
Бипурсиду бар тахт биншохташ.

Баровард Руҳҳом роз аз нуҳуфт,
Паёми Фарибурз бо ӯ бигуфт.

Чунин гуфт Пирон ба Руҳҳоми гурд,
Ки «Ин корро[2] хурд натвон шумурд,

Шуморо буд ин пешдастӣ ба ҷанг,
Надидем бо Тус ҷои диранг.

Ба марз андаромад чу гурзи сутург,
Ҳаме кушт бебок хурду бузург.

1. ИЛ –размгоҳ.
2. ИЛ –ҷангро.

www.sattor.com

Чи моя бикушту чи моя бибурд,
Баду неки ин марз яксон шумурд.[1]

Мукофоти он бад кунун ёфтанд,
Агарчанд ногоҳ биштофтанд.

Кунун, гар туӣ паҳлавони сипоҳ,
Чунон чун туро бояд, аз ман бихоҳ!

Гар эдун, ки як моҳ хоҳӣ диранг,
Зи лашкар саворе наёяд ба ҷанг.

В-агар ҷанг ҷӯӣ, манам ҷангхоҳ,
Биёрою баркаш сафи размгоҳ.

Чу як моҳ бар орзу бишмаред,
В-аз ин марзи Туронзамин бугзаред,

Давонед*[2] лашкар сӯи марзи хеш,
Бубинед бедордил арзи хеш.

В-агарна ба ҷанг андароем танг,
Махоҳед аз ин пас замони*[3] диранг».

Яке хилъат орост Руҳҳомро,
Чунон чун бувад дархури номро.

Ба назди Фарибурз Руҳҳоми гурд
Биёвард нома, чунон чун бибурд.

---

1. Л –б. 1340 -1342 нест.
ТПЗ – Биёмад, ки хуни Сиёвахшшоҳ
Бихоҳад зи солори туронсипоҳ.
Писарро бикушт аз падар зортар,
Ки ҳаргиз мабинод тоҷу камар!
2. М –Биронед.
3. М –Нахоҳад будантон замоне.

www.sattor.com

Фарибурз чун ёфт як маҳ диранг,
Ба ҳар сӯ биёзид чун шер чанг.

Сари бадраҳоро кушоданд банд,
Зи[1] ҳар сӯ кашон шуд камону каманд.

Бигаштанду*[2] лашкар биёростанд,
Зи ҳар чиз лахте бипеİростанд.

ШИКАСТА ШУДАНИ ЭРОНИЁН БА ҶАНГИ ТУРКОН

1355 Чу омад сари моҳу ҳангоми ҷанг,
Зи паймон нагаштанду аз ному нанг.

Зи ҳар сӯ баромад хурӯши сипоҳ,[3]
Бирафтанд яксар сӯи размгоҳ.

Зи бас нолаи бӯқу кӯсу дарой
Ҳаме осмон андаромад зи ҷой.

Ҳам аз[4] ёли аспону дасту инон,
Зи кӯполу теғу камону синон

Набуд пашшаро рӯзгори гузар
Зи бас теғу гурзу каманду сипар.[5]

1. Л –Ба.
2. М –кашиданд.
3. И –Хурӯше баромад зи ҳар ду сипоҳ.
4. ИЛ –Ҳама.
5. ТПЗ – Биёрост Пирони Виса сипоҳ,
Шуд аз гард гардуни гардон сиёҳ.
Абар маймана буд Рӯини гурд,
Абар номдорони бодастбурд.
Бишуд гурд Лаҳҳок бар майсара,
Ки дар ҷанги ӯ шер будӣ бара.
Ба қалби сипаҳ буд Пирон ба пой
Чу Ҳумону Настеҳани кинарой.

www.sattor.com

Ту гуфтӣ ҷаҳон дар дами аждаҳост,
В-агар осмон бо замин гашт рост.

Сӯи маймана Геви Гударз буд,
Куҷо мӯбаду меҳтари марз буд.

Сӯи майсара Ашкаши тезчанг,
Ки дарёи хун ронд ҳангоми ҷанг.

Ялон бо[1] Фарибурзи Ковусшоҳ,
Дурафш аз паси пушт дар[2] қалбгоҳ.

Фарибурз бо лашкари хеш гуфт,
Ки аз мо ҳунарҳо шуд андар нуҳуфт.

Як имрӯз чун шер ҷанг оварем,
Чаҳон бар бадандеш танг оварем,

К-аз ин нанг то ҷовидон бар сипоҳ
Бихандад ҳаме гурзу румикулоҳ.[3]

Яке тирборон бикарданд сахт,
Чу боди хазон барҷаҳад[4] бар дарахт.[5]

Набуд ҳеч паррандаро[6] ҷойгоҳ
Зи тиру зи гарди[7] хурӯшон сипоҳ.

Фарибурз чун лашкари Тур дид,
Фуруд омад аз кӯҳу саф баркашид.

1. Л –Ялону. И –Ялони.
2. Л –бар.
3. Л –б. 1364 -1366 нест.
ТПЗ – Ду лашкар ба рӯй-андар овард рӯй,
Ҳама кинахоҳу ҳама ҷангҷӯй.
4. ИЛ –бугзарад.
5. ТПЗ – Ту гуфтӣ ҳаво парри каргас шудаст,
Замин аз паи пил атлас шудаст.
6. ИЛ –тезпаррандаро.
7. ИЛ –Зи нерӯи гурду.

www.sattor.com

Дурахшидани[1] теғи алмосгун,
Ба кирдори оташ ба гард - андарун.

Ту гуфтӣ замин рӯи зангӣ шудаст,
Ситора дили марди[2] ҷангӣ шудаст.

Зи бас найзаву гурзу шамшери тез
Баромад ҳаме аз ҷаҳон растахез.

Зи қалби сипаҳ Гев шуд пеши саф,
Хурӯшону бар лаб[3] бароварда каф.

Або номдорони гударзиён,
К-аз эшон будӣ роҳи суду зиён.[4]

Ба тиру[5] ба найза баровехтанд,
Ҳаме з-оҳан оташ фурӯ рехтанд.

Бибуд разми Гударзу Пирон дурушт,
Чу нӯҳсад тан аз тухми Пирон бикушт.

---

1. И –Дурахшон ҳаме.
2. ИЛ –пили.
3. Л –ба лаб-бар.
4. ТПЗ – В-аз он рӯй Пирон биёмад ба пеш
Або вижагурдону хешони хеш.
Якояк баромехт бо Геви гурд,
Чунон, к-аз ҷаҳон рӯшной бибурд.
Чу Гударз, з-он гуна овард дид,
Рухи номдорон пур аз гард дид,
Яке ҳамла бурд аз миёни сипоҳ,
Бизад хештан тез дар қалбгоҳ.
Ҳаме кӯфтанд ин бар он, он бар ин,
Чу дарёи хун шуд ҳама дашти кин.
5. ИЛ –теғу.

www.sattor.com

Чу диданд Лаҳҳоку[1] Фаршедвард,
К-аз он лашкари гашн бархост гард,

Яке ҳамла карданд*[2] бар сӯи Гев,
Бар он гурздорону мардони нев.

Буборид тир аз камони сарон
Бар он номдорони ҷавшангарон.[3]

Чунон шуд, ки кас рӯи кишвар надид,
Зи бас куштагон шуд замин нопадид.

Яке пушт бар дигаре барнигошт,
Набугзошт он пойгаҳро, ки дошт.

Чунин гуфт Ҳуммон ба Фаршедвард,
Ки «Бо қалбгаҳ ҷуст бояд набард.

Фарибурз бояд, к-аз ин[4] қалбгоҳ
Гурезон бипӯяд зи[5] пушти сипоҳ.

Пас осон бувад ҷанг бо маймана,
Ба чанг андарорем яксар буна».

Бирафтанд пас то ба қалби сипоҳ
Ба ҷанги Фарибурзи Ковусшоҳ.[6]

---

1. ИЛ –Каҳҳол (Дар луғатҳо Каҳор омада, вале дар ин мисраъ бояд Каҳҳор хонда шавад).
2. М –бурданд.
3. ТПЗ – Фиканданд аз он пас ба бозу камон,
   Ба шамшер бурданд даст он замон.
4. ИЛ – к-аз он.
5. И – ба.
6. ТПЗ – Чу бар қалбгаҳ чашм бигмоштанд,
   Ба як ҳамла аз ҷой бардоштанд.

www.sattor.com

Зи Ҳумон гурезон бишуд паҳлавон,
Шикаст андаромад ба разми гавон.

Бидоданд гарданкашон ҷои хеш,
Бибуданд густох бо рои хеш.

Якояк ба душман супурданд ҷой,
Зи гурдони Эрон набуд кас ба пой.

Надиданд бар ҷой кӯсу дурафш,
Зи пайкор шуд дидаҳошон бунафш.

Далерон ба душман намуданд пушт,
Аз он кор бод андаромад ба мушт.

Нагун гашт кӯсу дурафшу синон,
Набуд ҳеч пайдо рикеб аз инон.

Ки дилшон зи як бор баргашта[1] буд,
Зи хун дашту кӯҳ-андар оғушта буд.

Чу душман зи ҳар сӯй анбӯҳ шуд,
Фарибурз бар домани кӯҳ шуд.

Бирафтанд аз эрониён, ҳар кӣ зист,
Бар он зиндагонӣ бибояд гирист.

Ҳаме буд бар ҷой Гударзу Гев,
Зи лашкар басе номдорони нев.

Чу Гударзи Кашвод бар қалбгоҳ
Дурафши Фарибурзи Ковусшоҳ

1. И – саршон ба якборагӣ гашта буд. Л – Гузаршон ба якборагӣ гашта буд.

www.sattor.com

Надиду ялону сипаҳро надид,
Ба кирдори оташ дилаш бардамид.

Инон кард печон ба роҳи гурез,
Баромад зи гударзиён растахез.

Бад-ӯ гуфт Гев: «Эй сипаҳдори пир,
Басе дидаӣ гурзу кӯполу тир.

Агар ту зи Пирон бихоҳӣ гурехт,
Бибояд ба сар-бар маро хок бехт.

Намонад касе зинда андар ҷаҳон
Зи гурдону аз кордида меҳон.

Зи мурдан марову туро чора нест,
Дирангитар аз марг патёра нест.

Чу пеш омад ин рӯзгори дурушт,
Туро рӯй бинанд беҳтар, ки[1] пушт.

Напечам аз ин ҷойгаҳ сар зи ҷанг,
Наёрам бар ин хоки Кашвод нанг.

Зи доно ту нашнидӣ ин достон,
Ки баргӯяд аз гуфтаи бостон,

Ки гар ду бародар ниҳад пушт-пушт,
Тани кӯҳро хок монад ба мушт.

Ту ҳастиву ҳафтод ҷангӣ писар,
Зи дуда басе пилу шерони нар.

1. ИЛ – Бирезанд хун, беҳтар ояд зи.

www.sattor.com

Ба ханҷар дили душманон бишканем,
В-агар кӯҳ бошад, зи бун барканем».

Чу Гударз бишнид гуфтори Гев,
Бидид он сару тарки хешони нев[1],

Пушаймон шуд аз донишу рои хеш,
Бияфшурд бар ҷойгаҳ пои хеш.

Гуроза бурун омаду Густаҳам,
Або Бартаву гурди Занга ба ҳам.

Бихӯрданд савгандҳои гарон,
Ки паймон шикастан набуд андар он,

К-аз ин размгаҳ барнатобем рӯй,
Гар аз гурз хун андарояд ба ҷӯй.

Ҳама яксара пушт-пушт оварем,
Магар номи рафта ба мушт оварем.

Пас[2] он ҷойгаҳ пой бифшорданд,
Ба разм-андарун гурз бугзорданд.

Зи душман басе номвар кушта шуд,
Замона ҳаме бар бадӣ гашта шуд.

Ба Бежан чунин гуфт Гударзи пир,
К-«Аз эдар бирав тез бо гурзу тир

Ба сӯи Фарибурз баркаш инон,
Ба пеши ман ор ахтари ковиён.

1. И – б. 1407, 1408 нест.
2. И – В-аз.

www.sattor.com

В-агар худ Фарибурз бо он дурафш
Биёяд, кунад рӯи гетӣ бунафш».

Чу бишнид Бежан, барангехт асп,
Биёмад ба кирдори Озаргушасп.

Ба назди Фарибурзу бо ӯ бигуфт,
Ки «Эдар чӣ монӣ ҳаме дар нуҳуфт?

Инонро чу гурдон яке баргирой,
Бар ин кӯҳсар з-ин фузунтар мапой![1]

В-агар ту наёӣ, ба ман деҳ дурафш,
Саворону ин теғҳои бунафш».

Чу Бежан сухан бо Фарибурз гуфт,[2]
Накард ӯ хирад бо дили хеш ҷуфт.

Яке бонг барзад ба Бежан, ки «Рав!
Ту дар кор тундиву дар ҷанг нав.

Маро шоҳ дод ин дурафшу сипоҳ,
Ҳам ин паҳлавониву тахту кулоҳ.

Дурафш аз дари Бежани Гев нест,
На андар ҷаҳон сар ба сар нев нест».

Яке теғ бигрифт Бежан бунафш,
Бизад ногаҳон бар миёни дурафш.

Ба ду нима кард ахтари ковиён,
Яке нима бигрифту рафт[3] аз миён.

1. Л – б. 1421 нест.
2. И – Ба пеши вай омад, бигуфт.
3. Л – Зи бар нима бардошташ.

www.sattor.com

Биёмад, ки орад ба назди сипоҳ,
Чу туркон бididанд ахтар ба роҳ,

Яке шердил лашкаре ҷанҷӯй,
Ҳама сӯи[1] Бежан ниҳоданд рӯй.

Кашиданд кӯполу теғи бунафш,
Ба пайкори он ковиёнӣ дурафш.

Чунин гуфт Ҳуммон, ки «Он ахтар аст,
Ки нерӯи Эрон бад-ӯ андар аст.

Дурафши бунафш ар ба чанг оварем,
Ҷаҳон бар дили шоҳ*[2] танг оварем».

Камонро ба зеҳ кард Бежан чу гард,
Бар эшон яке тирборон бикард.

Сипаҳро ба тир аз бараш дур кард,
Ҳаме гурги даррандаро сур кард.

Бигуфтанд бо Геву бо Густаҳам,
Саворон, ки буданд бо ӯ ба ҳам,

Ки аз мо бирафтанд*[3] туронсипоҳ,
Магар Бежан ахтар биёрад ба роҳ,*[4]

Зи гурдони Эрон диловар сарон
Бирафтанд бо гурзҳои гарон.

1. ИЛ – пеши.
2. М – пеши Хусрав ба.
3. М – Кунун рафт бояд ба.
4. М – Рабудаш аз эшон ҳаме тоҷу гоҳ.

www.sattor.com

Бикуштанд аз эшон фаровон савор,*[1]
Биёмад дамон Бежани номдор.[2]

В-аз он ҷойгаҳ то ба назди сипоҳ
Гаронмоягон баргирифтанд роҳ.

Ҳаме рафт Бежан чу шери жиён,
Ба даст-андарун ахтари коваён.

Сипоҳ андаромад ба гирди дурафш,
Ҳаво шуд зи гарди саворон бунафш.

Дигарбора аз ҷой бархостанд,
Бар он дашт разми нав оростанд.

Ба пеши сипаҳ кушта шуд Ревниз,
Ки Ковусро буд чу ҷони азиз.

Яке тоҷвар шоҳу кеҳтар писар
Ниёзи Фарибурзу ҷони падар.[3]

Сари тоҷвар андаромад ба хок,
Басе номвар ҷома карданд чок.

Аз он пас хурӯше баровард Гев,
Ки «Эй номдорону гурдони нев,

Чу Реве набуд андар ин размгоҳ
Ба пеши Фарибурзи Ковусшоҳ.

Наберу писар пушти Ковуси пир
Табаҳ шуд, бад-ин ҷойгаҳ хир-хир.

1. М – фузун аз ҳазор.
2. И – 1439 нест.
3. И – б. 1445 нест.

www.sattor.com

Фуруди Сиёвушу чун Ревниз
Ба[1] гетӣ шигифтӣ фузун з-ин чӣ низ?[2]

Агар тоҷи он шаҳрёри ҷавон
Ба душман расад, шарм дорем аз он

В-агар ман биҷунбам аз ин размгоҳ,
Шикаст андарояд ба эронсипоҳ.

Набояд, ки он афсари шаҳрёр
Ба душман[3] расад дар сафи корзор.

Фазояд бар ин нангҳо нанг низ
Аз ин афсару куштани Ревниз».

Чунон буд, ки бишнид овози[4] Гев
Сипаҳбад сарафроз Пирони нев.

Ба наввӣ баромад яке корзор
Зи лашкар бар он афсари номдор.

Фаровон зи ҳар ду сипаҳ кушта шуд,
Сари бахти эрониён[5] гашта шуд.

Баровехт чун шер Баҳроми гурд,
Ба найза ба эшон яке ҳамла бурд.

Ба нӯки синон тоҷро баргирифт,
Ду лашкар бад-ӯ монд андар шигифт.

---

1. И –Зи.
2. И –б. 1445 -1450 нест.
ТПЗ – Яке тоҷ буд шоҳзода ба сар,
Пур аз дурру ёқуту рахшон гуҳар.
3. ИЛМ –туркон.
4. И –Чу ин гуфта бишнид з-овози.
5. ИЛМ –бисёр кас.

www.sattor.com

Аз он шод гаштанд эронсипоҳ,
Ки овард бо он навоин кулоҳ.

Ҳаме ҳар замон разм шуд тезтар,
Напечид як тан аз он разм сар.[1]

Чунин ҳар замоне барошуфтанд,
Ҳаме бар сари якдигар кӯфтанд.

Ҳаме буд аз ин гуна, то тира гашт,
Ҳаме дида аз тирагӣ хира гашт.

Зи гударзиён ҳашт[2] тан зинда буд
Бад-он размгаҳ, дигар афканда буд.

Ҳам аз тухмаи Гев чун бисту панҷ,
Ки буданд зебои дайҳиму ганҷ.

Ҳам аз тухми Ковус ҳафтод мард
Саворону шерони рӯзи набард.

Ҷуз ин Ревниз он[3]-гави тоҷдор
Сазад, гар набошад як андар шумор.

Зи хешони Пирон чу нӯҳсад савор
Кам омад дар ин рӯз дар корзор.

Чу сесад тан аз тухми Афросиёб,
Куҷо бахташон андаромад ба хоб.

Ҳамон дашт Пирон буду рӯзи ӯй,
Ҳамон ахтари гетиафрӯзи ӯй.

1. ИЛ –б. 1460, нест.
2. ИЛ –ҳафт.
3. Л –аз дев Пирон.

www.sattor.com

Набуд рӯзи пайкори эрониён,
Аз он разм ҷустан сар омад зиён.

Аз овардгаҳ рӯй баргоштанд,
Чунон*[1] хастагон хор бугзоштанд.[2]

Бар он ҷойгаҳ*[3] бахт баргашта шуд,
Ки Густаҳмро бораги кушта шуд.

Пиёда ҳаме рафт найза ба даст,
Або ҷавшану хӯд бар сони маст.

Чу Бежан ба Густаҳм наздик шуд,
Шаб омад ҳаме, рӯз торик шуд.

Бад-ӯ гуфт: «Ҳин барнишин аз пасам,
Гиромитар аз ту набошад касам».

Нишастанд ҳар ду бар он бораги,
Чу шуд рӯз тира ба якбораги,

Ҳама сӯи он домани кӯҳсор
Гурезон бирафтанд аз корзор.

Саворони туркон ҳама шоддил,
Зи ранҷу зи ғам гашта озоддил.

Ба лашкаргаҳи хеш боз омаданд,
Гурозандаву размсоз омаданд.

Зи гурдони Эрон баромад хурӯш,
Ҳама кар шуд аз нолаи зор гӯш.

---

1. М –Ҳамон.
2. ТПЗ – Ҳазимат сӯи кӯҳ боз омаданд,
Ҳамон бо ғамони дароз омаданд.
3. М –Бад-он гоҳ куҷо.

www.sattor.com

Або хешу пайванд ҳар як ба зор
Бикарданд мӯя бар он кӯҳсор.

Чунин аст кирдори ин чархи пир,
Ба ҳарч ӯ бигардад, бувад ногузир.

Абар кас ба гардиш варо меҳр нест,
Ҳаме душману дӯст наздаш*[1] якест.[2]

Чу з-афроз шуд бахт сар бар нишеб,
Сазад, гар бувад мардро з-ӯ ниҳеб.

БОЗГАШТАНИ БАҲРОМ БА ҶУСТАНИ ТОЗИЁНА БА РАЗМГОҲ

В-аз он пас чу ҳар ду сипаҳ орамид,
Шаби тира як баҳра андар кашид,[3]

Давон рафт Баҳром пеши падар,
Ки «Эй боби номовари пурҳунар,[4]

Бад-он гаҳ, ки он тоҷ бардоштам,
Ба найза ба абр - андар афроштам,

Яке тозиёна зи ман гум шудаст,
Чу гиранд бемоя туркон ба даст,

Ба Баҳроми пурмоя бошад фусӯс,
Ҷаҳон пеши чашмам бувад обнӯс.

1. М –Ба наздики ӯ дӯсту душман.
2. ИЛ –б. 1480 -1481 нест.
3. ИЛ –б. 1486 нест.
4. ЛМ –паҳлавони ҷаҳон сар ба сар. И –паҳлавони ялон сар ба сар.

www.sattor.com

Набишта бар он чарм номи ман аст,
Сипаҳдори туркон бигирад ба даст.[1]

Шавам зуд, тозона боз оварам,
Агарчанд ранҷи дароз оварам.

Маро ин бад аз ахтар ояд ҳаме,
Ки номам ба хок андарояд ҳаме.»

Бад-ӯ гуфт Гударзи пир: «Эй писар,
Ҳаме бахти хеш[2] андарорӣ ба сар.

Зи баҳри яке чӯби бастадувол,
Шавӣ хира андар*[3] дами бадсигол».[4]

Чунин гуфт Баҳроми ҷангӣ, ки «Ман
Наям беҳтар аз дудаву анҷуман.

Ба ҷое тавон буд, ки ояд замон,
Ба кажжӣ чаро бурд бояд гумон?»

Бад-ӯ гуфт Гев: «Эй бародар, марав,
Фаровон маро тозиёнаст нав.

Яке дастаро симу зар-андар аст,
Ду даста ба хушшоб пургавҳар аст.

Фарангис чун ганҷ букшод дар,[5]
Маро дод чандон силеҳу камар.

---

1. ТПЗ – Шиносад маро, нанг бошад аз ин,
В-аз ин нанг номам фитад бар замин.
2. Л -худ.
3. М –Ҳаме баршавӣ дар
4. Л –Шавӣ дар дами ахтари бад ба фол.
ТПЗ – Мабодо, ки ояд ба ҷонат ниёз,
Ба кажжӣ чаро ронд бояд-т роз?
5. ИЛ –сар.

www.sattor.com

Ман ин диръу тозона бардоштам,
Ба Турон дигар хор бугзоштам.

Яке низ бахшид Ковусшоҳ,
Зи гавҳар ба сони фурӯзанда моҳ.

Дигар панҷ дорам ҳама зарнигор,
Бар ӯ бофта гавҳари шоҳвор.

Туро бахшам ин ҳафт, аз эдар марав,
Яке ҷанг хира маёрой нав».

Чунин гуфт бо Гев Баҳроми гурд,
Ки «Ин нангро хор*[1] натвон шумурд.

Шуморо зи рангу нигор аст гуфт,
Маро он ки шуд ном бо нанг ҷуфт.

Гар эдун, ки тозона боз оварам
Ва ё[2] сар ба кӯшиш ба гоз оварам».

Бар ӯ рои Яздон дигаргуна буд,
Ҳама[3] гардиши бахт*[4] вожуна[5] буд.

Ҳам он гаҳ, ки бахт андарояд ба хоб,
Сари мард беҳуда гирад шитоб.*[6]

Бизад аспу омад бар он размгоҳ,
Дурахшон шуда рӯи гетӣ зи моҳ.

1. М –хурд.
2. ИЛМ –в-агар.
3. И –Ҳамон.
4. М –чарх.
5. Л –чарх воруна.
6. М –Ба кӯшиш наёяд суханҳо бар об.

www.sattor.com

Ҳаме зор бигрист бар куштагон,
Бар он доғдил, бахтбаргаштагон.

Тани Ревниз андар он хуну хок
Шуда ғарқу[1] хафтон бар ӯ[2] чок-чок.

Бар ӯ зор бигрист Баҳроми шер,
Ки зор, эй савору ҷавони[3] далер.

Чи ту кушта акнун, чи як мушти хок,
Бузургон ба айвон, ту андар мағок.[4]

1515 Ба гирди бародар якояк бигашт,
Ки буданд афканда бар паҳндашт.

Аз он номдорон яке хаста буд,
Ба шамшер аз эшон*[5] ба ҷон раста буд.

Ҳаме боздонист Баҳромро,
Бинолиду пурсид аз ӯ номро.[6]

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй шер, ман зиндаам,
Бари куштагон-андар афкандаам.

Ду[7] рӯз аст, то нону об орзуст,
Маро бар яке ҷома хоб орзуст».

1. Л –ғарқа.
2. ИМ –ғарқа ҳафтону бар.
3. И –савори ҷавону.
4. Л –б. 1514 нест.
5. М –Лекин.
6. ТПЗ – Манам гуфт Баҳром, эй сарфароз,
Бигӯ ин замон, то чӣ ояд-т роз.
7. ИМ – Се.

www.sattor.com

Бишуд тез Баҳром то пеши ӯй,
Ба ҷон меҳрубону ба дил[1] хеши ӯй.

Бар ӯ гашт гирёну рухро бихаст,*[2]
Бидаррид пероҳан, ӯро*[3] бубаст.

Бад-ӯ гуфт: «М-андеш, к-ин хастагист,
Табаҳ будани ин зи нобастагист.

Чу бастам, кунун сӯи лашкар шавӣ
В-аз ин хастагӣ зуд беҳтар шавӣ».

Якеро зи гумроҳӣ овард боз,
Зи гумроҳии худ надонист роз.

Бад-он хаста Баҳром гуфт: «Эй ҷавон,
Бимон, то кунун боз оям давон.[4]

Яке тозиёна бар ин размгоҳ
Зи ман гум шудаст аз паи тоҷи шоҳ.

Чу он боз ёбам, биёям барат,
Ба зудӣ расонам сӯи лашкарат».

В-аз он ҷо сӯи қалби лашкар шитофт,
Ҳаме гашт, то тозиёна биёфт.

Миёни тали хастагон-андарун
Бар ӯ рехта хоки бисёру хун.

Фуруд омад аз аспу он баргирифт,
В-аз аспон хурӯшидан андаргирифт.

1. И – тан.
2. М – пешаш нишаст.
3. М – Ҳама курта бидриду захмаш:
4. И – б. 1524, 1525 нест.

www.sattor.com

Хурӯши дами модиён ёфт асп,
Бичӯшид бар сони озаргушасп.

Сӯи модиён рӯй бинҳоду тафт,
Ғамӣ гашт Баҳром в-аз пас бирафт.

Ҳаме шуд дамон, то расид андар ӯй,
Або*[1] тарку хафтон пур аз об рӯй.

Чу бигрифташ, андар замон барнишаст,
Гирифта яке теғи ҳиндӣ ба даст.

Чи бифшурд рон, эч нагзорд пай,
Савору тани бора пурхоку хай.

Чунон тангдил шуд ба якборагӣ,
Ки шамшер зад бар сари борагӣ,

В-аз он ҷойгаҳ то бад-он размгоҳ,
Пиёда бипаймуд чун бод роҳ.

Саросар ҳама дашт пуркушта буд,[2]
Замин чун гули арғавон гашта буд.[3]

Ҳаме гуфт, акнун чӣ созем рӯй
Дар ин дашт бе бораи роҳҷӯй.

Аз ӯ саркашон огаҳӣ ёфтанд,
Саворе сад аз қалб биштофтанд,

1. М – Ба.
2. И – дид.
3. И – дид.
ТПЗ – Пиёда ҳаме рафт он номвар,
Ки он хастаро боз гирад ба бар.

www.sattor.com

Ки ӯро бигиранд аз он размгоҳ,
Барандаш бари паҳлавони сипоҳ.

Камонро ба зеҳ кард Баҳроми шер,
Буборид тир аз камон он далер.

Чу тири ялӣ*[1] дар камон рондӣ,
Ба пероманаш кас куҷо мондӣ.

Аз эшон фаровон бикушту бихаст,*[2]
Чу шери жиён пеши душман бичаст.*[3]

Саворон ҳама бозгаштанд аз ӯй.
Ба наздики Пирон ниҳоданд рӯй.[4]

Бигуфтанд, к-инат ҳизабри далер,
Пиёда кунад ҷанг чун наррашер.

КУШТА ШУДАНИ БАҲРОМ БАР ДАСТИ ТАЖОВ

Чу лашкар биёмад бари паҳлавон,
Бигуфтанд бо ӯ зи кори ҷавон.

Фаровон сухан рафт аз он размсоз,
Зи пайкори ӯ ошкорову роз.

Бипурсид Пирон, ки «Ин мард кист?
В-аз ин номдорон варо ном чист?»

Яке гуфт: «Баҳроми шеравжан аст,
Ки лашкар саросар бад-ӯ равшан аст».

---

1. М – Ки як тир то.
2. М – бихасту бикушт.
3. М – Пиёда натобиду бинмуд пушт.
4. ТПЗИМ – Чу гурдон* зи Баҳром шуд нопадид,
   Зи ҳар сӯ басе тир гирд оварид.
   * И - лашкар.

www.sattor.com

Ба Рӯин чунин гуфт Пирон, ки «Хез,
Ки Баҳромро нест ҷои гурез.

Магар зинда ӯро ба чанг оварӣ,
Замона баросояд аз доварӣ.

Зи лашкар касоне,[1] ки бояд, бубар,
Ки ӯ номдор асту пархошхар».

Чу бишнид Рӯин, биёмад дамон,
Набудаш ҷуз андешаи бад гумон

Чу Баҳром дидаш, ба кирдори гард
Бар ӯ-бар яке тирборон бикард.*[2]

Бари тӯда биншаста Баҳроми шер,
Ниҳода сипар бар сари худ далер.[3]

Чу Рӯини Пирон зи тираш бихаст,*[4]
Ялонро ҳама кунд шуд пову даст.

Ба сустӣ бари паҳлавон омаданд,
Пур аз дарду тираравон омаданд,

Ки ҳаргиз чунин кас наёмад ба ҷанг,
Ба дарё надидем ҷангӣ наҳанг.

Чу бишнид Пирон, ғамӣ гашт сахт,
Биларзид бар сони барги дарахт.

---

1. И – касеро.
2. М – Чу Баҳром дид он, ки омад сипоҳ,
Бишуд рӯшноӣ зи хуршеду моҳ.
3. И – б. 1555 нест.
ТПЗИМ – Яке тирборон бар эшон бикард,
Ки шуд моҳи тобанда чун лоҷвард.
4. Чу рӯин чунон дид, аз ҷо биҷаст.

www.sattor.com

Нишаст аз бари бораи тундтоз,
Ҳаме рафту бо ӯ басе размсоз.

Биёмад, бад-ӯ гуфт, к-«Эй номдор,
Пиёда чаро сохтӣ корзор?

Ба Турон ту то бо Сиёвуш будӣ,
Хирадманду бедору хомуш будӣ.*[1]

Маро бо ту нону намак х(в)ардан аст,
Нишастан ҳамон меҳр парвардан аст.

Набояд, ки бо ин нажоду гуҳар,
Бад-ин шермардиву чандин ҳунар

Зи боло ба хок андарояд сарат,
Бигиряд ба ту дудаву кишварат.

Биё, то бисозем савганду банд
Ба рое, ки ояд дилатро писанд.

В-аз он пас яке бо ту хешӣ кунам,
Чу хешӣ кунам, рои бешӣ кунам.

Пиёда ту бо лашкари номдор
Натобӣ, махур бо танат зинҳор».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Эй паҳлавон,
Хирадманду бинову равшанравон,

Се рӯз аст, то ночарида лабон
Ҳаме разм созам ба рӯзу шабон.

1. М – Ту на бо Сиёвуш, ба Турон будӣ,
Ҳамоно ба пархоши шерон будӣ?

www.sattor.com

Маро ҳоҷат аз ту яке борагист,
В-агарна маро ҷанг якборагист.

Барад мар маро сӯи[1] озодагон,
Бари пир Гударзи Кашводагон».

Бад-ӯ гуфт Пирон, ки «Эй номҷӯй,
Надонӣ, ки ин ройро нест рӯй?

Туро он беҳ ояд, ки гуфтам сухун,
Далериву бар хира тундӣ макун!

Бубин, то саворони ин анҷуман
Ниҳанд инчунин нанг бар хештан,

Ки чандин тан аз тухмаи меҳтарон,
Зи дайҳимдорону ҷанговарон

Зи пайкори ту хаставу кушта шуд,
Бад-ин разм дар хок оғушта шуд,

Кӣ ҷӯяд гузар сӯи Эрон кунун,
Магар он ки ҷӯшад варо мағзу хун?

Агар нестӣ бими[2] Афросиёб,
Ки гардад дилаш[3] з-ин сухан пуршитоб,

Туро борагӣ додаме, эй ҷавон,
Бад-он то-т бурдӣ бари паҳлавон».

Бигуфт ину баргашту шуд боз ҷой
Дили*[4] пур зи меҳру сари пур зи рой.

1. И – назди.
2. - ранҷи.
3. И – сараш.
4. М – Дилаш.

www.sattor.com

Зи лашкар биёмад*[1] бари ӯ Тажов,
Варо беш буд аз яке пил тов.*[2]

Зи Пирон бипурсиду Пирон бигуфт,
Ки «Баҳромро аз ялон нест ҷуфт.

Ба меҳраш бидодам басе панди хуб,
Намудам бад-ӯ роҳу пайванди хуб,

Суханро набуд бар дилаш ҳеч роҳ,
Ҳаме роҳ ҷӯяд ба эронсипоҳ».[3]

Ба Пирон чунин гуфт ҷангӣ Тажов,
Ки «Бо меҳр ҷони варо нест тов.

Шавам гар пиёда, ба ҷанг орамаш,
Ҳам[4] андар замон зери санг орамаш».[5]

Биёмад шитобон бад-он размгоҳ,
Куҷо буд Баҳроми ял бесипоҳ.[6]

Чу Баҳромро дид, найза ба даст,
Яке бархурӯшид чун пили маст.

Бад-ӯ гуфт: «Аз ин лашкари номдор
Раҳоӣ наёбӣ дар ин корзор.

---

1. М – баромад.
2. М – Ба пеш-андар омад пур аз кину тов.
3. ТПЗ – Бигуфтам, ки ин роҳро рӯй нест,
   Макун хира, к-об андар ин ҷӯй нест.
4. И – Ки.
5. ТПЗ – Бигуфт ину омад пур аз хашму кин
   Худу номдорони Туронзамин.
6. И – б. 1589 нест.

www.sattor.com

Ба Эрон гурозид хоҳӣ ҳаме,
Саратро фарозид хоҳӣ ҳаме?

Саронро буридӣ, сар эдар бимон,
Гаҳ омад, ки бар ту сар ояд замон».

Ба ёрон-ш фармуд, к-андарниҳед,
Ба тиру ба ҷӯпину ханҷар диҳед.

Бар ӯ анҷуман шуд яке лашкаре,
Ҳар он кас, ки буд аз далерон саре.

Камонро ба зеҳ кард Баҳроми гурд,
Ба тир аз ҳаво равшаноӣ бибурд.

Чу тир испарӣ шуд, сӯи найза гашт,
Чу дарёи хун шуд ҳама кӯҳу дашт.

Чу найза қалам шуд, ба гурзу ба теғ
Ҳаме хун чаконид монанди меғ.

Чу размаш бад-ин гуна пайваста шуд,
Зи тири далерон танаш*[1] хаста шуд.

Чу Баҳроми ял гашт бетӯшу тов,
Паси пушти ӯ андаромад Тажов.

Яке теғ зад бар сари китфи ӯй,
Далер[2] андаромад зи боло ба рӯй.

Ҷудо шуд зи тан дасти ҳанҷаргузор,
Фурӯ монд аз ҷангу баргашт кор.

1. М –Тани паҳлавонии вай.
2. И –Ки шер.

www.sattor.com

Бар ӯ-бар ситамгорароро дил бисӯхт,
Ба кирдори оташ дилаш*[1] барфурӯхт.

Бупечид аз ӯ рӯй пурдарду шарм,
Ба ҷӯш омадаш дар ҷигар хуни гарм.

КУШТАНИ ГЕВ ТАЖОВРО БА КИНИ БАҲРОМ

Чу хуршеди тобанда бинмуд пушт,
Ба дил гашт Гев аз бародар дурушт.

Ба Бежан чунин гуфт, к-«Эй дилкушой,
Бародар ҳаме н-оядам боз ҷой.

Бибояд шудан, то варо кор чист?
Набояд, ки бар кушта бояд гирист».

Далерон бирафтанд ҳар ду чу гард
Бар он ҷои пархошу ҷои набард.

Ба ҳар сӯ бигаштанду*[2] ҷустанд боз.
Ба дидори Баҳромашон буд ниёз.[3]

Далерон чу Баҳромро ёфтанд,
Пур аз обу хун дида биштофтанд.

Ба хоку ба хун-андар афканда хор,
Ҷудо гашта з-ӯ[4] дасту баргашта кор.

1. М –рухаш.
2. М – Ҳама куштаву ҳаста.
3. И –пас аз б. 1609 ин б. омада:
Ҳама дашт пур хаставу кушта буд,
Ҷавоне ба хун-андар оғушта буд.
4. ИМ - Фитода ин б. омада.

www.sattor.com

Зи асп-андар афтод Геви далер,
Хурӯше баровард чун наррашер.[1]

Бичунбид Баҳром з-овози ӯй,*[2]
Бичалтиду боҳуш шуд боз ӯй.[3]*[4]

Чунин гуфт бо Гев, к-«Эй номчӯй,
Маро чун бипӯшӣ ба тобут рӯй,

Ту кини бародар бихоҳ аз Тажов,
Надорад*[5] магар[6] гов бо шер тов.

Маро дид Пирони Виса нахуст,
Ки бо ман будаш рӯзгори дуруст.

Ҳама номдорону гурдони Чин
Бичустанд бо ман аз[7] оғоз кин.

Тани ман Тажови чафопеша хаст,
Накард эч ёд аз нажоду нишаст».

Чу Баҳроми гурд ин сухан ёд кард,
Буборид Гев аз мижа оби зард.

---

1. ТПИМ –Ба чои б. 1612 ин б. «З» пас аз б. 1312 ин б. омада;
   Ҳаме рехт об аз бари чеҳри ӯй,
   Пур аз хун дилу дида аз меҳри ӯй.
2. М –З-он вой, вой.
3. И –б. 1613 нест.
   ТПЗИ – Чу боз омадаш ҳушу букшод чашм,
   Танаш пур зи хуну дилаш пур зи хашм.
4. М-хуш омадаш боз чой.
5. М –Наёрад.
6. И –тани.
7. И –зи.

www.sattor.com

Ба додори доранда савганд х(в)ард,
Ба рӯзи сапеду[1] шаби лоҷвард,

Ки «Ҷуз тарки румӣ набинад сарам,
Магар кини Баҳром бозоварам».

Пур аз дарду кина сабук барнишаст
Гирифта яке теғи ҳиндӣ ба даст.

Бад-он гаҳ ки шуд рӯи гетӣ сиёҳ,
Тажов аз талоя баромад ба роҳ.

Чу аз дур Геви далераш бидид,
Инонро бипечиду дам даркашид.

Чу донист, к-аз лашкар андаргузашт,
Зи гурдону гарданкашон дур гашт,

Зи фитрок букшод ҳамми[2] каманд,
Даровард ногаҳ миёнаш[3] ба банд.

Ба рон андаровард, бинмуд сифт,
Пас осонаш[4] аз пушти зин баргирифт.

Ба хок андарафканд хору нажанд,
Фуруд омаду даст кардаш ба банд.[5]

Нишаст аз бари аспу ӯро кашон
Пас андар ҳаме бурд чун беҳушон.

1. ИМ –Ба хуршед(у) рӯзу.
2. И –печон.
3. И –Миёни Тажов андаромад.
4. И –Бар он сонаш.
5. И –б. 1628 нест.

www.sattor.com

Чунин гуфт бо ӯ ба хоҳиш Тажов,
Ки «Бо ман намонд, эй далер, эч тов.

Чӣ кардам, ки з-ин[1] бешумор анҷуман
Шаби тира дӯзах намоӣ[2] ба ман?»

Бизад бар сараш тозиёна дувист,
Чунин гуфт: «Ҳин, ҷои гуфтор нест!

Надонӣ ҳаме, эй бади шӯрбахт,
Ки дар боғи кин тоза киштӣ дарахт,

Ки болош бо чарх ҳамсар шавад[3]
Танаш хун хурад,[4] бор ханҷар шавад?![5]

Шикори ту Баҳром бояд ба ҷанг,*[6]
Бубинӣ кунун танг коми наҳанг.

Бад-он бад, ки Баҳром беҷон шудаст,
Зи дардаш дили Гев печон шудаст».

Чунин гуфт бо Геви ҷангӣ Тажов,
Ки «Ту чун уқобиву ман чун чаков.

Ба[7] Баҳром бар бад набурдам гумон
На ӯро ба дасти ман омад замон,[8]

1. И –аз ин.
2. И –намудӣ.
3. И –ҳамбар бувад.
4. И –шавад.
5. И –бувад.
6. М –ҷанг.
7. И –Зи.
8. И –зиён.

www.sattor.com

Ки ман чун расидам, саворони Чин
Варо кушта буданд бар дашти кин».

Бад-ӯ гуфт Гев: «Эй ҷафопеша мард,
Ба пӯзиш магӯ ин суханҳои сард!»[1]

Кашонаш биёвард Геви далер
Ба пеши ҷигархаста Баҳроми шер.

Бад-ӯ гуфт, к-«Инак сари бевафо
Мукофот созам ҷафоро ҷафо.

Сипос аз ҷаҳонофарин кирдгор,
Ки чандон замон будам аз рӯзгор,

Ки пеш аз ту ҷони бадандеши ту
Барорам кунун аз танаш пеши ту».

Ҳаме кард хоҳиш мар ӯро Тажов,
Ҳаме хост аз куштани хеш тов.

Ҳаме гуфт, к-«Ин буданӣ кор буд,
Сари ман ба ханҷар дарудан чӣ суд?»

Биғалтид бар хоку овоз кард,
Ба Баҳром гуфто, ки «Эй родмард,[2]

Яке банда бошам равони туро,
Парастиш кунам гӯрбони туро».

Ба Гев он гаҳе гуфт Баҳроми гурд,
Ки «Ҳар к-ӯ бизояд, бибояд-ш мурд.

1. ИМ –б. 1640 нест.
2. И –б. 1647 нест.

www.sattor.com

Гар эдун, ки з-ӯ бар танам бад расид,
Ҳамон дарди маргаш набояд чашид.

Сари пургуноҳаш, бигуфто, зи тан
Мабур, то кунад дар ҷаҳон ёди ман».

Бародар бародар чунон хаста дид,
Тажови ҷафопешаро баста дид,

Хурӯшиду бигрифт риши Тажов,
Сар аз тан буридаш ба сони чаков.

Зи ду дида Баҳром пас хун биронд,
Зи кори сипеҳрӣ шигифте бимонд.[1]

Хурӯше баровард, к-андар ҷаҳон
Кӣ дид ин шигифт ошкору ниҳон?!

Ки «Гар ман кушам ё кушӣ пеши ман,
Бародар бувад кушта ё хеши ман».

Бигуфт ину Баҳроми ял ҷон бидод,
Ҷаҳонро чунин аст созу ниҳод.

Инони бузургӣ ҳар он кас, ки ҷуст,
Нахусташ[2] бибояд ба хун даст шуст.

Агар худ кушад ё кушандаш ба дард,
Ба гирди ҷаҳон то тавонӣ, магард.[3]

1. ИМ –б. 1654 нест.
2. И –Нахустин.
3. ТПЗ – Чу аз куштани ӯ бипардохт Гев,
Биёмад дигар пеши Бахроми нев.

www.sattor.com

Хурӯшид Геви далер аз бараш,
Ҳаме рехт хоки сияҳ бар сараш.[1]

Хурӯшон ба аспи Тажоваш бубаст,
Ба Бежан супурд, он гаҳе барнишаст.

Биёвардаш аз ҷойгоҳи набард,
Ба кирдори шоҳон варо*[2] дахма кард.

Биёганд мағзаш ба мушку абир,
Бипӯшид бар тан-ш чиниҳарир.

Бар оини шоҳон-ш бар тахти оҷ
Бихобонду овехт аз бар-ш тоҷ.

Дари дахма карданд сурху[3] кабуд,
Ту гуфтӣ, ки Баҳром ҳаргиз набуд.

Шуд он лашкари номвар сӯгвор
Зи Баҳром в-аз гардиши рӯзгор.

---

1. И – 1660 нест.
   ТПЗ – Хурӯше баровард Бежан чу шер,
   Ҳаме гуфт зор, эй савори далер.
2. М – эрониён.
3. И – зарду.

www.sattor.com

БОЗГАШТАНИ ЭРОНИЁН БА НАЗДИ ХУСРАВ

Чу барзад сар аз кӯҳ тобанда шед,
Баромад сару тоҷи рӯзи сапед.

Сипоҳи пароканда гирд омаданд,
Ҳаме ҳар касе достонҳо заданд,

Ки чандин зи Эрон сипаҳ кушта шуд,
Сари бахти[1] солори мо гашта*[2] шуд.

Чунин чира шуд дасти туркон ба ҷанг,
Сипаҳро кунун нест ҷои диранг.

Бари шоҳ бояд шудан бегумон,
Бубинем, то бар кӣ*[3] гардад замон.

Агар шоҳро дил пур аз ҷанг нест,
Марову туро ҷои оҳанг нест.

Падар беписар шуд, писар бепадар,
Басе хаставу гашта пурхун ҷигар.[4]

Агар ҷанг фармон диҳад шаҳрёр,
Бисозад яке лашкари номдор,

Биёему дилҳо пур аз кину ҷанг
Кунем ин ҷаҳон бар бадандеш танг.

---

1. И – сахти.
2. М – солор баргашта.
3. М – дар чӣ.
4. И – Шуда куштаву монда хастаҷигар.

www.sattor.com

Бад-ин рой аз он марз гаштанд боз
Ҳама дида пурхуну дил пургудоз.

Бародар зи хуни бародар бадард,
Забоншон*[1] зи хешон пур аз боди сард.[2]

Бирафтанд яксар сӯи Косарӯд,
Забоншон аз он куштагон пурдуруд.

Талоя биёмад зи пеши сипоҳ,
Касеро*[3] надиданд дар размгоҳ.

1680 Ба Пирони Виса расид[4] огаҳӣ,
К-аз эрониён гашт кишвар[5] тиҳӣ.

Чу бишнид Пирон, сабук дар ниҳон
Ба ҳар сӯ фиристод корогаҳон.

Чу баргаштани саркашон шуд дуруст,
Сипаҳбад равонро зи андуҳ бишуст.

Биёмад ба шабгир худ бо сипоҳ,
Ҳаме гашт бар гирди он размгоҳ.

Ҳама кӯҳу ҳомун ҳама дашту ғор
Саропардаву хайма буд бешумор.

1. М – лабоншон.
2. И – ёдкард.
3. М – Якеро.
4. И – он гаҳе.
5. И – гетӣ.

www.sattor.com

Ба лашкар бубахшиду худ баргирифт.
Зи кори ҷаҳон монда андар шигифт,

Ки рӯзе фароз асту рӯзе нишеб,
Гаҳе шод дорад, гаҳе бо ниҳеб.

Ҳамон беҳ, ки бо ҷоми гетифурӯз
Ҳаме бугзаронем рӯзе ба рӯз.

Пас он гаҳ фиристод ҳам дар шитоб
Аз он огаҳӣ назди Афросиёб.*[1]

Сипаҳбад*[2] аз он огаҳӣ шод шуд,
Зи тимору андӯҳ*[3] озод шуд.

Ҳама лашкараш гашт равшанравон,
Бубастанд озин раҳи паҳлавон.

Ҳама бому дар ҷома овехтанд,
Дирам бар сари ӯ ҳаме рехтанд.

Чу омад ба наздикии шаҳрёр,
Сипаҳбад пазира шудаш бо нисор.[4]

Бад-ӯ офарин кард бисёру гуфт,
Ки «Аз паҳлавонон туро нест ҷуфт».

Ду ҳафта зи айвони Афросиёб
Ҳаме омад овози*[5] чангу рубоб.

---

1. М – Бад-он огаҳӣ назди Афросиёб
Ҳаюне барафканд ҳангоми хоб.
2. М – Сипаҳдор.
3. М – аз ранҷ.
4. И – б. 1690 – 1692 нест.
5. М – баршуд овои.

www.sattor.com

Севум ҳафта Пирон чунон кард рой,
Ки бо шодмонӣ равад*[1] боз ҷой.

Яке хилъат орост Афросиёб,
Ки гар баршуморам-т, гирӣ шитоб.[2]

Зи динор в-аз гавҳари шоҳвор,
Зи заррин камарҳои гавҳарнигор,

Зи аспони тозӣ ба зарринситом,
Зи шамшери ҳиндӣ ба зарринниём.

Яке тахти пурмоя аз оҷу соҷ,
Зи пирӯза маҳду*[3] зи беҷода тоҷ.

Парастори чиниву румиғулом,
Пур аз мушку анбар зи пирӯза ҷом.

Ба наздики Пирон фиристод чиз,
Ҷуз инаш басе ҳадяҳо дод низ.

Сипаҳбад чу баргашт аз пеши шоҳ,
Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй гави некхоҳ,*[4]

Ту бо мӯбадон бошу хушёр бош,
Сипаҳро зи душман нигаҳдор бош.

1. М – шавад.
2. И – б. 1695, 1696 нест.
3. М – тавку.
4. М – б. 1702 нест.

www.sattor.com

Ба ҳар сӯ[1] хирадманду корогаҳон
Пароканда бифрист ҳар сӯ ниҳон,

Ки Кайхусрав имрӯз бохоста-ст,
Ба доду диҳиш кишвар[2] ороста-ст.

Нажоди бузургиву тахту кулоҳ,
Чу шуд гирд, аз ин беш чизе махоҳ.

Зи баргаштани*[3] душман эмин машав,
Замон то замон огаҳӣ хоҳ нав.

Ба ҷое, ки Рустам бувад паҳлавон,
Гар*[4] эмин бихуспӣ, бупечад равон.

Ҷуз аз вай маро аз кас андеша нест,
Ки ҷуз кина ҷустан варо пеша нест.

Битарсам, ки барҷӯшад аз ҷойгоҳ,
Ба Турон барорад зи Эрон*[5] сипоҳ».[6]

Пазируфт Пирон ҳама панди ӯй,
Ки солори ӯ буду пайванди ӯй.

---

1. И – ҳар гоҳ.
2. И – лашкар.
3. М – Зи баргашта.
4. М – Ту.
5. М – Ба ногаҳ барорад ба Турон.
6. И – б. 1709 1710 нест.

www.sattor.com

Сипаҳдор Пирону[1] он анҷуман
Ниҳоданд сар сӯи марзи[2] Хутан.

Сипоҳу сипаҳбад ҳама шодмон
Бирафтанд яксар давону дамон.*[3]

Ба пой омад ин достони Фуруд,
Кунун разми Комус бояд шунуд.[4]

---

1. И – Тӯрону.
2. И – шаҳри.
3. М – Зи ҳар сӯ бурун кард корогаҳон,
Ки ҳазмон бидонад зи Рустам нишон.
4. И – суруд.

www.sattor.com

МУНДАРИҶА

Сухан гуфтани Пирон бо Сиёвуш аз Фарангис 5
Сухан гуфтани Пирон бо Афросиёб 8
Арӯсии Фарангис бо Сиёвуш 13
Кишваре додани Афросиёб Сиёвушро 17
Сохтани Сиёвуш Гангдижро 23
Сухан гуфтани Сиёвуш бо Пирон аз буданиҳо 29
Фиристодани Афросиёб Пиронро дар кишварҳо 35
Бино кардани Сиёвуш Сиёвушгирдро 36
Омадин Пирон ба Сиёвушгирд 39
Фиристодани Афросиёб Гарсевазро назди Сиёвуш 45
Зодани Фуруд - писари Сиёвуш 48
Гуфтор андар гӯй задани Сиёвуш 50
Бозгаштани Гарсеваз ва бадгӯӣ кардан пеши Афросиёб 58
Боз омадани Гарсеваз назди Сиёвуш 68
Номаи Сиёвуш ба Афросиёб 79
Омадани Афросиёб ба ҷанги Сиёвуш 81
Хоб дидани Сиёвуш 84
Андарз кардани Сиёвуш Фарангисро 87
Гирифтор шудани Сиёвуш ба дасти Афросиёб 92
Зорӣ кардани Фарангис пеши Афросиёб 103
Кушта шудани Сиёвуш ба дасти Гуруй 108
Раҳонидани Пирон Фарангисро 116
Андар зодани Кайхусрав 120
Супоридани Пирон Кайхусравро ба шубонон 126
Овардани Пирон Кайхусравро пеши Афросиёб 130

www.sattor.com

Бозгаштани Кайхусрав ба Сиёвушгирд 136
Шикояти Фирдавсӣ аз пирии худ 139
Огоҳ шудани Ковус аз кори Сиёвуш 140
Расидани Рустам ба назди Ковус 142
Куштани Рустам Судобаро ва лашкар кашидан 146
Куштани Фаромарз Варозодро 149
Лашкар кашидани Сурха ба ҷанги Рустам 153
Лашкар кашидани Афросиёб ба кини писар 161
Кушта шудани Пилсам ба дасти Рустам 165
Гурехтани Афросиёб аз Рустам 172
Фиристодани Афросиёб Хусравро ба Хутан 176
Подшоҳии Рустам дар Туронзамин ҳафт сол буд.. 180
Рафтани Завора ба шикоргоҳи Сиёвуш 183
Вайрон кардани Рустам Туронзаминро 186
Бозрафтани Рустам ба Эронзамин 189
Дидани Гударз Кайхусравро ба хоб 192
Рафтани Гев ба Турон ба ҷустани Кайхусрав.. 196
Ёфтан Кайхусравро 203
Рафтани Гев ва Кайхусрав ба Сиёвушгирд.. 211
Гирифтани Кайхусрав Беҳзодро.. 214
Рафтани Фарангис бо Кайхусрав ва Гев ба Эрон.. 219
Гурехтани Гулбод ва Настеҳан аз бари Гев 221
Омадани Пирон аз паи Кайхусрав 225
Ҷанги Пирон бо Гев 229
Гирифтор шудани Пирон дар дасти Гев 234
Раҳо кардани Фарангис Пиронро аз Гев 238
Ёфтани Афросиёб Пиронро ба роҳ 241
Гуфтугӯи Гев бо божбон 246
Гузаштани Кайхусрав аз Ҷайҳун.. 249
Рафтани Кайхусрав ба Исфаҳон.. 254

www.sattor.com

Расидани Кайхусрав назди Ковус 259
Саркашӣ кардани Тус аз Кайхусрав 264
Хашм кардани Гударз бо Тус 268
Рафтани Гударз ва Тус пеши Ковус аз баҳри подшоҳӣ 271
Рафтани Тус ва Фарибурз ба Дижи Баҳман ва боз омадан комноёфта 277
Рафтани Кайхусрав ба Дижи Баҳман ва гирифтан онро 280
Боз омадани Кайхусрав ба фирӯзӣ 285
Бар тахти шоҳӣ нишонидани Ковус Хусравро 288

Кайхусрав. *Подшоҳии Кайхусрав шаст сол буд.*

Оғози достон 291
Офарин кардани меҳтарон Кайхусравро 293
Гардидани Кайхусрав гирди подшоҳӣ 298
Паймон бастани Кайхусрав бо Ковус аз кини Афросиёб 301
Шумурдани Кайхусрав паҳлавононро 308
Ганҷҳо бахшидани Хусрав паҳлавононро 312
Фиристодани Кайхусрав Рустамро ба замини Ҳинд 321
Оростани Кайхусрав лашкари худро 323
Оғози достони Фуруд – писари Сиёвуш 336
Гуфтор андар рафтани Тус ба Туркистон 337
Огоҳӣ ёфтани Фуруд аз омадани Тус 344
Рафтани Фуруд ва Тахор ба дидани лашкар 349
Омадани Баҳром ба назди Фуруд ба кӯҳ 355
Бозомадани Баҳром назди Тус 363
Кушта шудани Ревниз бар дасти Фуруд 366
Кушта шудани Зарасп аз дасти Фуруд 368
Ҷанги Тус бо Фуруд 370
Разми Гев бо Фуруд 375
Ҷанги Бежан бо Фуруд 382
Кушта шудани Фуруд 385

www.sattor.com

Куштани Ҷарира худро 392

Лашкар кашидани Тус ба Косарӯд ва кушта шудани Палошон аз дасти Бежан 397

Ба танг омадани эрониён аз боридани барф 402

Гирифтани Баҳром Кабударо 407

Разми эрониён бо Тажов 409

Огоҳ шудани Афросиёб аз Тус ва сипоҳи ӯ 416

Шабехун кардани Пирон бар эрониён 420

Бозхондани Кайхусрав Тусро 426

Диранг хостани Фарибурз аз Пирон дар ҷанг 432

Шикаста шудани эрониён ба ҷанги туркон 436

Бозгаштани Баҳром ба ҷустани тозиёна ба размгоҳ 449

Кушта шудани Баҳром бар дасти Тажов 455

Куштани Гев Тажовро ба кини Баҳром 461

Бозгаштани эрониён ба назди Хусрав 468

www.sattor.com

АБУЛҚОСИМ
ФИРДАВСӢ

ШОҲНОМА

Ҷилди IV

ДУШАНБЕ,
«АДИБ»
2008

www.sattor.com

ББК 83,3(0)9+83,3 (2 тоҷик)
А-19

Таҳияи матн ва луғату тавзеҳот аз
КАМОЛ АЙНӢ** ва **ЗОҲИР АҲРОРӢ

Муҳаррир
Мубашшир Акбарзод

А-19 ***Абулқосим Фирдавсӣ*. Шоҳнома**. — Душанбе: «Адиб», 2008. -480 саҳ.

Ба хонандаи азиз чопи севуми “Шоҳнома”-и безаволи Ҳаким Фирдавсӣ, ки бо кӯшиши таҳиягарони матни он омода гаштааст, пешкаш мегардад. Муҳаққиқон дар ин нашр аз нусхаҳои дигари “Шоҳнома” истифода кардаанд, ки ин арзиши корашонро бештар мекунад.

ISBN 978-99947-32-84-5

© Нашриёти "Адиб", 2008.

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ КАЙХУСРАВ

ДОСТОНИ КОМУСИ КАШОНӢ

ОҒОЗИ ДОСТОН

Ба номи худованди хуршеду моҳ,
Ки дилро ба номаш хирад дод роҳ,

Худованди ҳастиву ҳам ростӣ,
Нахоҳад зи ту кажживу костӣ,

Худованди кайвону баҳрому шед,
К-аз ӯяст уммеду биму навид.[1]*[2]

Ситудан ман ӯро надонам ҳаме,
Аз андеша ҷон барфишонам ҳаме.

Аз ӯяст[3] пайдо макону*[4] замон,
Паи мӯр бар ҳастии ӯ нишон.

Зи гарданда хуршед то тира хок,
Ҳамон боду об, оташи тобнок

Ба*[5] ҳастии яздон гувоӣ диҳанд,
Равони туро ошноӣ диҳанд.

---

1. И – Аз ӯям навиду бар ӯям умед.
2. М – Аз ӯям навиду бад-ӯям умед.
3. И – Аз ӯ гашт.
4. М- Аз ӯ гашт пайдо замину.
5. М – Зи

www.sattor.com

Сӯи офаринандаи бениёз
Бибояд, ки бошӣ ҳаме дар гудоз.

Зи дастуру ганҷур в-аз тоҷу тахт,
Зи каммиву бешиву нокому бахт,

Ҳам ӯ бениёз асту мо бандаем,
Ба фармону рояш сарафкандаем.

Чу ҷону хирад бегумон кардааст,
Сипеҳру ситора баровардааст,

Ҷуз ӯро мадон[*1] кирдгори баланд,
К-аз ӯ шодмониву з-ӯ мустаманд.

Шабу рӯзу гардонсипеҳр офарид,
Хуру хобу тундиву меҳр офарид.

Чунин омад ин[2] гунбади тезгард,
Гаҳе шодмонӣ диҳад, гоҳ дард.

Шигифтӣ ба гетӣ зи Рустам басест,
К-аз ӯ достон дар дили ҳар касест.

Ба хушкӣ чу пилу ба дарё наҳанг,
Хирадманду бедордил, марди ҷанг.

Сари мояи мардиву ҷанг аз ӯст,
Хирадмандиву донишу санг аз ӯст.

Кунун разми Комус пеш оварам,[*3]
Зи дафтар ба гуфтори хеш оварам.[*4]

1. М – махон.
2. И – аз.
3. М – оварем.
4. М – оварем.

www.sattor.com

Ба гуфтори деҳқон кунун бозгард,
Нигар, то чӣ гӯяд ҷаҳондида мард.

ХОР КАРДАНИ ХУСРАВ ТУСРО

Зи Турон Фарибурз бо анҷуман,
Чу Гударзу чун Геви лашкаршикан,

Ҳама сӯгвору пур аз об рӯй
Сӯи роҳи Эрон ниҳоданд рӯй.[1]

Чу лашкар биёмад ба роҳи Чарам,
Калот аз бару зер оби Маям.

Ҳама ёд карданд разми Фуруд,
Набуд ҷуз пушаймониву дард суд.[2]

Ҳама дил пур аз дард аз бими шоҳ,
Ҳама[*3] дида пурхуну дил пургуноҳ,

Ба ҷон[*4] шармгин назди шоҳ омаданд,
Ҷигархаставу богуноҳ омаданд.

Бародар-шро кушта бар бегуноҳ,
Ба душман супурда нигину кулоҳ.

Ҳама доғдил даст карда ба каш,
Бирафтанд пешаш парасторваш.[*5]

Бад-эшон нигаҳ кард Хусрав ба хашм,
Дилаш пур зи дарду пур аз об[6] чашм.

1. И – б. 19-21 нест.
2. ИМ-Пушаймониву дарду тимор буд.
3. М – Ду.
4. М-чунон.
5. М – парасторфаш.
6. И – хун ду.

www.sattor.com

Ба Яздон ҳаме гуфт, к-«Эй додгар,[1]
Ту додӣ маро тахту бахту ҳунар.[2]

Ҳаме шарм дорам ман аз ту кунун,
Ту огаҳтарӣ аз ману чанду чун.

Ва гар на бифармудаме то ҳазор
Зададӣ ба майдон ба якбор[*3] дор.

Тани Тусро дор будӣ нишаст,
Дигар ҳар[*4] кӣ бо ӯ миёнро бубаст.

Зи хуни падар будам андар хурӯш,
Диле доштам бо ғаму дарду ҷӯш,

Кунун кина нав шуд зи баҳри Фуруд,
Сари Туси Нӯзар бибояд дуруд.

Бигуфтам, ки сӯи Калоту Чарам
Марав, гар фишонанд бар сар дирам,[5]

К-аз он раҳ Фуруд асту бо модар аст,
Яли кайнажод асту[6] кундовар аст.

Чӣ донад[*7], ки Туси фурӯмоя кист?
Чунин сохта лашкар аз баҳри чист?

Аз он кӯҳ ҷанг оварад бегумон,
Фаровон саронро сар орад замон.

---

1. И – Чунин гуфт, к-эй кирдгор.
2. И –донишу бахти ёр.
3. М – бад-ин марзи беарз.
4. М – ҳар он кас.
5. - б. 35 нест.
6. И – Каи гавнажод асту.
7. М – Надонам.

www.sattor.com

Дамон Туси номарди ноҳушёр
Чаро[*1] бурд лашкар ба сӯи ҳисор?

Кунун лоҷарам кирдгори сипеҳр
Зи Тусу зи лашкар бибуррид меҳр.

Бад омад ба гударзиён-бар зи Тус,
Ки нафрин бар ӯ боду бар пилу кӯс!

Ҳаме хилъату ҳадяҳо[2] додамаш,
«Ба ҷанги бародар фиристодамаш».

Сипаҳдор чун Туси[3] Нӯзар мабод,
Чунон паҳлавон пеши лашкар мабод!

Дареғо[4] Фуруди Сиёвуш, дареғ,
Ки бо зӯру дил буду бо гурзу теғ.

Ба сони падар кушта шуд бегуноҳ,
Ба дасти сипаҳдори ман бо сипоҳ.

Ба гетӣ надонам[5] кам аз Тус кас,
Ки ӯ аз дари банду чоҳ асту[*6] бас.

На дар сар-ш мағзу на дар тан-ш раг,
Чи Туси фурӯмоя пешам, чи саг».

Зи кини бародар, зи хуни падар
Ҳаме буд печону хастаҷигар.

1. М – Ҳаме.
2. М –пандҳо.
3. И – Ҷаҳонҷӯй чун пури.
4. И – Дареғ он.
5. И – надидам.
6. М – Дуруст аз дари дору банд асту.

www.sattor.com

Сипаҳро ҳаме хор карду биронд,
Зи мижгон ҳаме хуни дил барфишонд.

Дари бор додан ба эшон бубаст,
Равонаш зи дарди бародар бихаст.

Далерони[1] Эрон ба мотам шуданд,
Пур аз ғам[*2] ба даргоҳи[3] Рустам шуданд.

Ба пӯзиш, ки ин эзадӣ кор буд,
Киро буд оҳанги ҷанги Фуруд?

Бад-он гаҳ куҷо кушта шуд пури Тус,
Сари саркашон тира[4] шуд аз фусӯс.

Ҳамон низ[*5] домоди ӯ Ревниз
Набуд аз бади бахт монида чиз.

Кӣ донист ному нишони Фуруд,
К-аз ӯ шоҳро дил бихоҳад шахуд?

Ту хоҳишгарӣ кун ба наздики шоҳ,
Магар сар бупечад зи кини сипоҳ.

На фарзанди Ковуси кай - Ревниз
Ба ҷанг - андарун кушта шуд зор низ,

Ки кеҳтарписар буду пархошҷӯй,
Ниёзи падар хусрави моҳрӯй?

Чунин аст анҷому фарҷоми ҷанг,
Яке тоҷ ёбад, яке гӯри танг.

1. ИМ – бузургон.
2. М – Далерон.
3. И – Далерон ба наздики.
4. ИМ- хира.
5. –Ҳамон гурд.

www.sattor.com

ОМУРЗИШ КАРДАНИ ХУСРАВ ЭРОНИЁНРО

Чу шуд рӯи гетӣ зи хуршед зард,[1]
Ба хум андаромад шаби лоҷвард.

Баромад хурӯш аз дари боргоҳ,
Таҳамтан биёмад ба наздики шоҳ.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй хусрави[2] б-офарин,
Зи[3] ту шодмон тахту тоҷу нигин.

Зи Тусу зи лашкар биёзурд шоҳ,
Ба ман бахш, ҳарчанд будшон гуноҳ.

Чу фарзанду домодро кушта дид,
Зи мағзу дилаш рой шуд нопадид.

Яке он ки тунд[4]*[5] асту ҳушёр нест,
Дигар он[6] ки ҷони писар хор нест.

Чу дар пеши ӯ кушта шуд Ревниз,[7]
Зарасп он савори сарафроз низ,[8]

Гар ӯ барфурӯзад, набошад шигифт,
Аз ӯ шоҳро кин набояд гирифт.

Ва дигар, к-аз он бадгумон шуд сипоҳ,
Ки фаррух бародар нашуд пеши[9] шоҳ.

---

1. ЛМ – Чу барзад сар аз кӯҳ хуршеди зард.
2. ИЛМ – меҳтари.
3. И – Ба.
4. Л – Пир.
5. М – тез.
6. Л – Ва дигар.
7. Л – Реви шер.
8. Л – Зараспи сарафроз, гурди далер.
9. И – набуд назди.

www.sattor.com

Чунон дон, ки кас бе замона намурд,
Дилатро бад-ин ғам набояд супурд.

Чи берун шавад ҷон, чи берун кунанд,
Намонад, в-агар сесад афсун кунанд».

Бад-ӯ гуфт Хусрав, ки «Эй паҳлавон,
Дилам пур зи тимор шуд з-он ҷавон.

Кунун панди ту доруи ҷон бувад,
В-агарчи дил аз дард печон бувад».

Чу шоҳи ҷаҳон ин сухан кард ёд,
Таҳамтан ба пешаш замин бӯса дод.[1]

Чу хуршед барзад синон аз нишеб,
Шитоб омад аз рафтан андар вуреб,

Бидаррид пирӯза пероҳанаш,
Падид омад он лаъли рахшон танаш.

Сипаҳбад биёмад ба наздики шоҳ
Або Геву гурдони эронсипоҳ.

Басе офарин хонд бар шаҳрёр,
Ки «Нӯша[2] бизӣ, то бувад рӯзгор.

Замин пояи тоҷу тахти[3] ту бод,
Фалак сояи фарру бахти[4] ту бод!

---

1. ТПИЛМ – ба ҷои б. 73 ин б. омада:
   Ба пӯзиш биёмад сипаҳдор Тус,
   Ба пеши шаҳ эдар шуда чоплус.
   Бубахшид Хусрав гуноҳи сипоҳ,
   Гаронмоягон баргирифтанд роҳ.
2. ИЛ – ту шаҳ.
3. И – бандаи тавқу тоҷи
4. И – пояи тахти оҷи.

www.sattor.com

Манам дил пур аз ғам зи кирдори хеш,
Ҷигархаста аз дарду тимори хеш.

Ҳамон низ[1] ҷонам пур аз шарми[2] шоҳ,
Забон пур зи пӯзиш, равон[3] пургуноҳ.

Зи покиза ҷони Фуруду Зарасп
Ҳаме барфурӯзам чу озаргушасп.

Агар ман гунаҳкорам аз анҷуман,
Ҳаме печам аз кардаи хештан.

Ба вижа зи Баҳром в-аз Ревниз
Ҳаме ҷони хешам наярзад пашиз.[4]

Агар шоҳ хушнуд гардад зи ман,
В-аз ин номвар пургуноҳ анҷуман,

Шавам, кини ин нанг боз оварам,
Сари пастро бар фароз оварам.

Ҳама ранҷи лашкар ба тан барниҳам,
Агар ҷон ситонам ва гар сар[5] диҳам.

Аз ин пас ба тахту кулаҳ нангарам,
Ба ҷуз тарги румӣ[*6] набинад сарам».

Зи гуфтори ӯ шод шуд шаҳрёр,
Дилаш тоза шуд чун гул андар баҳор.

1. И - тира
2. И – дарди.
3. ИЛ – танам.
4. Л – набошад ба чиз.
5. Л – агар ҷон.
6. М – чинӣ.

www.sattor.com

Басе[1]*[2] рой зад бо Таҳамтан дар он,[3]
Чи бо номдорону кундоварон.[4]

Ба Турон фиристад сипаҳдор Тус
Або лашкару пилу бо бӯқу кӯс.

Аз он пас пароканда шуд анҷуман,
Сӯи хона шуд паҳлави пилтан.[5]*[6]

ФИРИСТОДАНИ ХУСРАВ ТУСРО БА ТУРОН

Чу хуршеди тобанда омад падид,
Сапеда зи хамми камон бардамид,

Сипаҳбад биёмад ба наздики шоҳ
Ба ҳам бо бузургони эронсипоҳ.

Бад-эшон чунин гуфт шоҳи ҷаҳон,
Ки «Ҳаргиз паи кин нагардад[7] ниҳон.

Зи Салму зи Тур андаромад нахуст,[8]
Манучеҳр он кинаро боз ҷуст.[9]

Чунин нанг бар шоҳи Эрон набуд,
Замин пур зи хуни далерон набуд.

Ҳаме кӯҳ аз хуни гударзиён[10]
Ба зуннори хунин бубандад миён.

1. И – Ҳаме.
2. М – Шабе.
3. И – ба роз.
4. И – номдорони гарданфароз.
5. ИЛ – б. 90.91 нест.
6. М – б. 90-91 нест.
7. И- намонад.
8. ИЛМ – сухан.
9. ИЛМ – Аз он кини пешину рӯзи куҳан.
10. Л – эрониён.

www.sattor.com

Ҳаме[1] мурғу моҳӣ бар эшон ба зор
Бигиряд ба дарё-дару марғзор.[2]*[3]

Аз эрониён[*4] дашти туроиён
Пур аз[*5] дасту пой асту пушту миён.

Шуморо ҳама шодмонист рой,
Ба кина начунбад ҳаме дил зи ҷой».

Далерон ҳама даст карда ба каш
Ба пеши ҷаҳонҷӯи[6] хуршедфаш.

Ҳама ҳамгинон хок доданд бӯс,
Чу Руҳҳому Гургину Гударзу Тус.

Чу Харрод бо Зангаи Шоварон,
Дигар Бежану Геву[7] кундоварон,

Ки «Эй шоҳи некахтари некдил,
Ба дил бурдаӣ ҳам ту аз шер дил.

Ҳама як ба як пеши ту бандаем,
Зи шарми ту, шоҳо,[8]*[9] сарафкандаем.

Агар ҷанг фармон диҳад шаҳрёр,
Ҳама ҷон[10] фишонем дар корзор.

1. ИЛ – Ҳамон.
2. Л – дарёву бар ҷӯйбор.
3. М – дарёву дар ҷӯйбор.
4. М – Эрон ҳама.
5. М - Сару
6. ИЛ – ҷаҳондори.
7. И – Ҳамон Бежану Геви.
8. ИЛ-ташвири хусрав.
9. М – хусрав.
10. И-сар.

www.sattor.com

Набинад зи мо ҳеч бад низ шоҳ,[*1]
Магар тира гардад рухи ҳуру моҳ».

Сипаҳдор пас Гевро пеш хонд,
Ба тахти гаронмоягӣ[*2] барнишонд.

Фаровон-ш бистуду бинвохташ,
Басе хилъату некуӣ сохташ.

Бад-ӯ гуфт, к-«Андар ҷаҳон ранҷи ман
Ту ҷӯиву бебаҳрӣ[*3] аз ганҷи ман.

Набояд, ки бе раъйи ту пилу кӯс
Ба тундӣ биронад[4] сипаҳдор Тус.

Надидӣ магар саҳмгин дастбурд,
Ки равшанравон бод Баҳроми гурд!

Зи гуфтори бадгӯй в-аз ному нанг
Ҷаҳон кард бар хештан тору[*5] танг.

Агар нест эдар фаровон диранг,
Ҳамон ном беҳтар, ки монад, на нанг.[6]

Дирам доду рӯзидиҳонро бихонд,
Басе бо сипаҳбад суханҳо[7] биронд

Чу шуд кори лашкар ҳама сохта,
Дили паҳлавон гашт пардохта.[8,*9]

1. М-шоҳ аз ин пас гуноҳ.
2. М-гаронмоягон.
3. М-ҷустиву бебаҳра.
4. ИЛМ-Сӯи ҷанг ронад.
5. М-хеш торику.
6. Л-б. 113 нест.
7. ИЛ-сипаҳдор хубӣ.
8. ИЛ-б. 116 нест.
9. М-б. 116 нест.

www.sattor.com

Зи ахтар яке рӯзи фаррух бичуст,
Ки берун шуданро кай ояд дуруст,

Биёмад сипаҳбад сипаҳдор Тус,
Бад-ӯ дод шоҳ ахтару пилу кӯс.[1]

Бад-ӯ офарин карду баршуд хурӯш,
Замин омад аз бонги[*2] аспон ба ҷӯш.

Яке абр баст аз паи гарди сум,
Баромад хурӯшидани говдум.

Зи бас ҷавшану коваёнӣ дурафш
Шуда рӯи гетӣ саросар бунафш.

Ту хуршед гуфтӣ ба об-андар аст,
Сипеҳру ситора ба хоб-андар аст.

Ҳаме буд бо гурзу[3] пилон ба дашт,
Чунон то сипаҳбад бар ӯ баргузашт.[*4]

Ниҳод аз бари пил пирӯза маҳд,
Ҳаме ронд[*5] аз ин гуна то рӯди Шаҳд.

ПАЙҒОМИ ПИРОН БА ЛАШКАРИ ЭРОН

Ҳаюне ба кирдори боди дамон
Бишуд назди Пирон ҳам андар замон,

Ки «Ман ҷангро гардан афрохта,
Сӯи рӯди Шаҳд омадам сохта».

---

1. ТПИЛМ - ба ҷои б. 118 ин б. омада:
   Бад-ӯ дод шоҳ ахтари коваён,
   Бар он сон, ки будӣ ба расми каён.
2. М- ҷаҳон омад аз сумми.
3. ИЛ-кӯсу.
4. М-б. 123 нест.
5. М-Ҳаме рафт.

www.sattor.com

Чу бишнид Пирон, ғамӣ гашт сахт,
Ки барбаст бояд ба ноком рахт.

Бурун рафт бо номдорони хеш,
Гузида диловар саворони хеш,

Ки эронсипаҳро бидонад, ки[*1] чист
Сарафроз чанд асту бо Тус кист.

Рада баркашиданд аз он сӯи рӯд,
Фиристод назди сипаҳбад дуруд.

В-аз ин рӯй лашкар биёвард Тус,
Дурафши ҳумоюну пилону кӯс.

Сипаҳдор Пирон яке чарбгӯй
Зи туркон фиристод наздики ӯй.

Бигуфт он, ки «Ман бо Фарангису шоҳ
Чӣ кардам зи хубӣ ба ҳар ҷойгоҳ.

Зи дарди Сиёвуш хурӯшон будам,
Чу бар оташи тез ҷӯшон будам.

Кунун бори тарёк заҳр омадаст,
Маро з-он ҳама дард баҳр омадаст».[1]

Дили Тус ғамгин шуд аз кори[2] ӯй,
Бинолид аз он[3] дарду гуфтори ӯй.[4]

Фиристодаро гуфт пас паҳлавон,
Ки «Рав пеши Пирони равшанравон,

---

1. ТПЗ- Ки кушта шуд аз тухма нӯҳсад далер,
Ҳама размсозу ҳама наррашер.
2. Л-меҳри.
3. И-Бупечид аз.
4. Л- Фаровон нишон дид аз чеҳра ӯй.

www.sattor.com

Бигӯяш, ки гар рост гӯӣ сухун,
Маро бо ту пайкор н-ояд зи бун.[1]

Сар озод кун, дур шав з-ин миён,
Бубанд ин дари биму роҳи зиён.

Бари шоҳи Эрон шавӣ бесипоҳ,
Мукофот ёбӣ ба некӣ зи[2] шоҳ.

Бар Эрон туро паҳлавонӣ диҳад,
Ҳамон афсари хусравонӣ диҳад.

Чу ёд оядаш хуб кирдори ту,
Дилаш ранҷа гардад ба тимори ту.

Бар инанд[3*4] Гударзу Геву сарон,
Бузургони бедордил[5] меҳтарон».

Сарояндаи посух омад чу бод
Ба наздики Пирони висанажод.

Бигуфт, он чӣ бишнид, бо паҳлавон
Зи Тусу зи Гударзи равшанравон.

Чунин дод посух, ки «Ман рӯзу шаб
Ба ёди сипаҳбад кушоям ду лаб.

Шавам, ҳар кӣ ҳастанд пайванди ман,
Хирадманд гӯ[6] бишнавад панди ман.

---

1. ЛМ-Маро бо ту гуфтор омад ба бун: И-ба ҷои б. 137,138 ин б. омад:
   Чунин дод посух, ки аз меҳри ту
   Фаровон нишон аст бар чеҳри ту.
2. И-зи некии.
3. Л-Чунин гуфт: И-Ҳаме гуфт.
4. М-дилу рой.
5. ИЛ-Бузургону тиморкаш.
6. ИЛ-к-ӯ.

www.sattor.com

Ба Эрон гузорам бару буму рахт,
Сари номвар беҳтар аз тоҷу тахт».

Аз ин гуфтаҳо буд мағзаш тиҳӣ,
Ҳаме ҷуст нав рӯзгори беҳӣ.

СИПОҲ ФИРИСТОДАНИ АФРОСИЁБ БА НАЗДИКИ ПИРОН

Ҳаюне фиристод[1] ҳангоми[2] хоб
Сароянда наздики[3] Афросиёб,

К-«Аз Эрон сипоҳ омаду бӯқу[4] кӯс
Або лашкари Геву Гударзу Тӯс.[5]

Фаровон фиребаш фиристодаам,
Зи ҳар гунааш пандҳо додаам.

Сипоҳе зи ҷанговарон баргузин,
Ки бар кин ситоиш набошад ҷуз ин.[*1]

Магар бехашон аз буна барканем,
Ба буму ба бар оташ андарзанем.

В-агар на зи кини Сиёвахшшоҳ
Наёсояд аз ҷанг ҳаргиз сипоҳ».

Чу бишнид Афросиёб ин сухан,
Саронро бихонд он замон з-анҷуман.[6]

---

1. И-Ҳаюнро барафканд.
2. Л-барафканд наздики.
3. Л-шуд назди.
4. ИЛ-пилу.
5. ЛМ-Ҳамон Геву Гударзу Шедӯшу Тус; И-Ҳамон Геву Гударзу Гургину Тус.
6. И- Чу пайғоми солори лашкар шунуд,
   Сипоҳи парокандаро хонд зуд.

www.sattor.com

Бар эшон бигуфт он суханҳо, ки рафт,
Ки бар кин бибояд бисечид[1] тафт.

Яке лашкар орост[*2] Афросиёб,
Ки торик шуд чашмаи офтоб.

Даҳум рӯз лашкар ба Пирон расид,
Сипоҳе к-аз ӯ шуд замин нопадид.

Чу лашкар биёрост,[*3] рӯзӣ бидод,
Сипаҳ баргирифту буна барниҳод.

Зи паймон накард эч ёду на аҳд,
Биёмад дамон то лаби рӯди Шаҳд.

Талоя биёмад ба наздики Тус,
Ки барбанд бар кӯҳаи пил кӯс,[4]

Ки Пирон наронад сухан ҷуз фиреб,
Чу донад, ки танг[5] андаромад нишеб,

---

1. Л-Ба кинтон бибояд ҳаме рафт.
2. М-Гарон лашкаре сохт.
3. М-биёсуд.
4. Л-б. 162 нест:
   ТПЗИЛ- Чунин гуфт бо Тус Гударзи пир,
   Ки эй паҳлавон, ин сухан ёд гир.
5. И- Бар он гаҳ, ки нек.
   ТПЗ- Сӯи баймана Бежану Геви гурд,
   Абар майсара номи Руҳҳом бурд.
   Чу Гударз бо Тусу бо Густаҳам,
   Чу Шедӯшу Фарҳоду Гургин ба ҳам
   Гузиданд бар қалбгаҳ ҷои хеш,
   Дурафши саворони Бежан ба пеш.
   В-аз он сӯ бузургон гузида набард,
   Абар баймана гирди Фаршедвард.
   Чу Ҳуммону Лаҳҳок бар майсара,
   Шуда дашт оҳан ҳама яксара.
   Чу Пирони Виса ба қалб андарун,
   Сипоҳе диловар чу дарёи хун.

www.sattor.com

Дурафши ҷафопеша омад падид,
Сипаҳ бар лаби рӯд саф баркашид.

Биёрост лашкар сипаҳдор Тус,
Ба ҳомун кашиданд пилону кӯс.

Дурӯя сипоҳ андаромад чу кӯҳ,
Саворони Эрону Турон[*1] гурӯҳ.

Чунон шуд зи гарди сипаҳ офтоб,
Ки оташ баромад зи дарёи об.[*2]

Дурахшидани теғу жӯпину хишт,
Ту гуфтӣ замин - бар[3][*4] ҳаво лола кишт.

Зи ҷӯши саворони зарринкамар,
Зи бас тарги заррину заррин сипар[5]

Баромад яке абр чун сандарӯс,
Замин гашт аз гард[6] чун обнӯс.

Сари сарварон зери гурзи гарон
Чу сандон буду путки оҳангарон.

Зи хун рӯд гуфтӣ[*7] маистон шудаст,
Зи найза ҳаво чун наистон шудаст.

Басе сар гирифтори доми каманд,
Басе хор гашта тани арҷманд.

---

1. М- туркону Эрон.
2. М – Ки аз тирагӣ рафт чашмаш ба хоб.
3. Л-ки шаб дар; И-шаб омад.
4. М- шаб андар.
5. Л-руинсипар.
6. Л-абр.
7. М – Замин гуфтӣ аз хун.

www.sattor.com

Кафан ҷавшану бистар аз хуну хок,
Бару сина карда[1] ба шамшер чок.

Замин арғувону ҳаво обнӯс
Сипеҳру ситора пуровои кӯс.

Агар тоҷ ёбад ҷаҳонҷӯй мард
В-агар хоки овардну хуни набард,

Ба ноком мерафт бояд[2]*[3] зи даҳр,
Чи з-ӯ баҳр[4] тарёк ёбӣ[5], чи[6] заҳр.

Надонам, саранҷому фарҷом чист,
Бад-ин рафтан акнун бибояд гирист.

КУШТАНИ ТУС АРЖАНГРО

Яке номдоре буд, Аржанг ном,
Ба абр андароварда аз ҷанг ном.

Барангехт аз дашти овард гард,
Аз эрониён ҷуст ҷангу[7] набард.

Чу аз дур Туси сипаҳбад бидид,
Биғурриду теғ аз миён баркашид.

Ба пури Зиреҳ гуфт:[8] «Номи ту чист?
Зи туркони ҷангӣ туро ёр кист?»

Бад-ӯ гуфт: «Аржанги ҷангӣ манам,
Сарафроз шери дирангӣ манам.

1. ИМ-Тани ноздида.
2. Л-Аз эдар куҷо рафт бояд: И-Гар эдун куҷо ҳаст рафтан.
3. М- Аз эдар ҳаме рафт хоҳӣ.
4. Л-баҳра.
5. Л-ёбам.
6. И-ёбад чу.
7. Л-нангу.
8. И-Бад ӯ Тус гуфто, ки.

www.sattor.com

Кунун хокро аз ту ҷӯшон кунам,
Бар овардгаҳ - бар сар афшон кунам».

Чу гуфтори пури Зиреҳ шуд ба бун,
Сипаҳдори Эрон шунид он[1] сухун,

Ба посух надид эч ҷои диранг.
Ҳамон обдоре, ки будаш ба чанг,

Бизад бар сару таргу он номдор,[2]
Ту гуфтӣ танаш сар наёвард бор.

Ғамӣ гашт Пирону туронсипоҳ,
Зи гурдон тиҳӣ монд овардгоҳ.

Далерони Турону кундоварон
Кашиданд шамшеру гурзи гарон.

Бидоданд овоз бар якдигар,
Бигуфтанд ҳар гуна шерони нар,[3]

Ки яксар биёему[*4] ҷанг оварем,
Ҷаҳон бар дили Тус танг оварем.

Чунин гуфт Ҳумон, ки «Имрӯз ҷанг
Бисозему дилҳо надорем танг.

Гар эдун, ки з-эшон яке номвар
Зи лашкар барорад ба пайкор сар,

---

1. Л-ин.
2. ТПЗИ- Баромад зи Эрон ғави* бӯқу кӯс,
   Ки фирӯз бодо сипаҳдор Тус!
   *-эронсипаҳ.
3. И- б. 190 нест.
4. М-гурзу ханҷар.

www.sattor.com

Пазира фиристем гурде дамон,
Бубинем, то бар кӣ[1] гардад замон.

Аз эшон ба тезӣ начӯем[2] ҷанг,
Бибояд як имрӯз кардан диранг.

Бад-он гаҳ, ки лашкар биҷунбад зи ҷой,
Табира бараояд зи пардасарой.

Ҳама яксара гурзҳо[*1] баркашем.
Яке аз лаби рӯд бартар кашем.

Ба анбӯҳ разме бисозем сахт,
Агар ёр бошад ҷаҳондору бахт».

ҶАНГИ ҲУМОН БО ТУС

Ба аспи уқоб андаровард пой,
Барангехт он боркашро зи ҷой.

Ту гуфтӣ яке бораи оҳан аст,
Ва ё[*3] кӯҳи Албурз дар ҷавшан аст.

Ба пеши сипоҳ андаромад ба ҷанг,
Яке хишти[4] рахшон гирифта ба чанг.

Биҷунбид Туси сипаҳбад зи ҷой,
Ҷаҳон пур шуд аз нолаи карриной.

Чунин гуфт, к-«Аз Висаи[*5] шӯрбахт
Аз ин сон ба шумӣ[*6] барояд дарахт.

1. И-чӣ.
2. И-тундӣ меҷӯед.
3. М-Вагар.
4. И-теғи.
5. М- ба Ҳумон ки эй.
6. М – Зи полези кин каж.

www.sattor.com

Намудам ба Аржанг як дастбурд,
Ки буд аз шумо номбардору гурд.

Ту акнун ҳамоно ба кин омадӣ,
Ки бо хишт бар пушти зин омадӣ.

Ба ҷону сари шоҳи эронсипоҳ,
Ки беҷавшану гурзу румикулоҳ,

Ба ҷанги ту оям ба сони паланг,
Ки бар[1] кӯҳ ёзад ба нахчир чанг.

Бубинӣ ту пайкори[2] мардони мард,
Чу овард гирӣ[3] ба дашти набард».

Чунин посух овард Ҳумон бад-ӯй,
Ки «Бешӣ на хуб аст, бешӣ маҷӯй.

Гар эдун, ки бечораеро замон
Ба дасти ту омад, машав бадгумон.

Ба ҷанги ман Аржанг рӯзи набард
Куҷо доштӣ хештанро ба мард.

Далерони Эрон надоранд шарм,
Наҷӯшад якеро ба тан хуни гарм,[4]

Ки пайкоргаршон сипаҳбад шудаст,
Ба разм-андарун дасташон бад шудаст.

Куҷо Бежану Геви озодагон,
Ҷаҳонгир Гударзи Кашводагон?

1. ИЛМ-аз.
2. Л-ин кори.
3. ИЛМ-гирам.
4. И-б. 209-212 нест.

www.sattor.com

Ту гар паҳлавонӣ, зи қалби сипоҳ
Чаро омадастӣ бад-ин размгоҳ?

Хирадманд бегона[1] хонад туро,
Ҳушивор девона[2] донад туро.

Ту шав, ахтари ковиёнро бидор,
Сипаҳбад наёяд сӯи корзор.

Нигаҳ кун, ки хилъат киро дод шоҳ,
Зи гурдон кӣ ҷӯяд нигину кулоҳ.

Бифармой, то ҷанги шер оварад,
Забардастро даст зер оварад.

Агар ту шавӣ кушта бар дасти ман,
Бад ояд бад-ин номдор анҷуман.

Сипоҳи ту беёру[3*4] беҷон шаванд,
В-агар зинда монанд, печон шаванд.

Пас аз Рустаму Золу[5] Соми савор
Дар Эрон набинам чу ту[6*7] номдор.

Падар бар падар номбардору шоҳ,
Чу ту ҷангҷӯе наёбад сипоҳ.

Ту шав, то зи лашкар яке номҷӯй
Биёяд бар ӯй андароварда[8] рӯй.

---

1. И-девона.
2. И-Ҳамон низ бегона.
3. И-беному.
4. М-тову.
5. Л-Золи.
6. Л-Надидам чу ту низ як.
7. М-надонам чу ту низ як.
8. Л-андарорем.

www.sattor.com

Ва дигар агар бишнавӣ панди[1] рост,
Равону дилам бар забонам гувост,

Ки пурдард бошанд[2] мардони мард,
Ки пеши ман оянд[3] рӯзи набард».

Бад-ӯ гуфт Тус: «Эй сарафроз мард,
Сипаҳбад манам, ҳам савори набард.

Ту ҳам номдорӣ, зи туронсипоҳ
Чаро омадастӣ бад-ин размгоҳ?

Дилат гар пазирад яке панди ман,
Бичӯӣ бад-ин панд пайванди ман,

Ту бо номвар паҳлавони сипоҳ
Хиромон биёӣ ба наздики шоҳ,

К-аз ин кина то зинда монад яке,
Наёсуд хоҳад сипоҳ андаке.[4]

Ба хира мадеҳ хештанро ба бод,
Match: Мабодо, ки панди ман ояд-т ёд.

Сазовори куштан ҳар он кас, ки ҳаст,
Бимон то биёзанд бар кина даст.

К-аз ин кина марди гунаҳкор ҳеч
Раҳоӣ наёбад, хирадро бисеч.

---

1. И-гуфтӣ; Л-в-агар бо ту гӯям яке гуфтӣ.
2. Л-бошам.
3. Л-Ки оянд пешам ба.
4. И-б. 231 нест:
   ТПЗ- Ту бе хешу пайванду чанде савор,
   Ҳама паҳлавону ҳама номдор.

www.sattor.com

Маро шоҳи Эрон чунин дод панд,
Ки Пирон набояд, ки ёбад газанд,

Ки ӯ вижа парвардгори ман аст,
Ҷаҳондидаву дӯстдори ман аст.

Ба бедод бар хира бо ӯ макӯш,
Нигаҳ кун, ки дорад ба панди ту гӯш».

Чунин дод посух,[1] ки «Бедоду дод
Чу фармон диҳад шоҳи фаррухнажод,

Бар он рафт бояд ба бечорагӣ,
Супурдам бад-ӯ дил ба якборагӣ.

Ҳамон ҷанги Пирон на бар орзуст,
Ки ӯ роду озодаву некхӯст».

Бад-ин гуфтугӯй - андарун буд Тус,
Ки шуд Гевро рӯй чун сандарус.

Зи лашкар биёмад ба кирдори бод,
Чунин гуфт, к-«эй Туси фаррухнажод,

Фиребанда[2] турке миёни ду саф
Биёмад чунин бар лаб оварда каф.

Чунин[3] бо ту чандин чӣ гӯяд ба роз
Миёни ду саф гуфтугӯи дароз?

Сухан ҷуз ба шамшер бо ӯ магӯй,
Маҷӯ аз дари[4] оштӣ ҳеч рӯй».

1. ИЛ-гуфт Ҳумон.
2. Л- Фиристода.
3. ИЛМ-Кунун.
4. Л-буна.

www.sattor.com

Чу бишнид Ҳумон, барошуфт сахт,
Чунин гуфт бо Геви бедорбахт,

Ки «эй[*1] гумшудабахт аз озодагон,
Ки гум бод Гударзи Кашводагон.

Ба Лодан маро дидаӣ рӯзи ҷанг,
Ба овард бо теғи ҳиндӣ ба чанг.

Кас аз тухми Кашвод ҷангӣ намонд,
Ки маншури теғи маро барнахонд.

Туро бахт чун рӯи оҳарман аст,
Ба хони ту то ҷовидон шеван аст.[2]

Агар ман шавам кушта бар дасти Тус,
На бархезад оини кӯполу кӯс.

На гетӣ шавад пок вайрон зи ман,
Сухан ронд бояд бад-ин анҷуман.[3*4]

Ба ҷой аст Пирону Афросиёб,
Бихоҳанд кинам ҳам андар шитоб.

В-агар Тус гардад ба дастам табоҳ,
Наёбад ба Эрон яке мард роҳ.[5*6]

---

1. М- Аё.
2. ТПЗ- Ки аз дудмони ту ҳафтоду панҷ
   Чи кушта, чи хаста. чи бо дарду ранҷ.
   Ту донӣ, ки ман рӯзи ҷанги Пашан
   Чӣ киштам бад-он размгоҳи гашан.
3. ИЛ-б. 252 нест.
4. М- б. 252 нест.
5. Л-б. 254 нест.
6. М-Якеро набошад зи Эрон паноҳ

www.sattor.com

Ту акнун ба дарди бародар гирӣ,
Чӣ[1] бо Туси Нӯзар[2] кунӣ доварӣ?[3]

Бад-ӯ гуфт Тус: «Ин чӣ ошуфтан аст?
Бад-ин дашт пайкори ту бо ман аст.

Биё, то бигардему кин оварем,
Ба ҷанг абрувон пур зи чин оварем».

Бад-ӯ гуфт Ҳумон, ки «Додаст марг
Саре зери тоҷу саре зери тарг.

Агар марг бошад ҳаме бегумон,
Ба овардгаҳ беҳ, ки ояд замон.

Ба дасти саворе, ки дорад ҳунар,
Сипаҳбад сару гурду пархошхар».

---

1. Ил-На.
2. И-ҷангӣ.
3. ТПЗИ- Бад- ӯ гуфт Гев: «Эй фурӯмоя мард,
Зи Лодан чӣ гӯиву рӯзи набард?
На мардӣ бад-он ҷангу хун рехтан,
Шабехун зи туркону овехтан.
Шабехун на кори далерон бувад,
На оини мардону шерон бувад.
Зи Пирон нагӯиву Афросиёб,
Ҳамоно, ҳамеша ту будӣ ба хоб.
Ман онам, ки аз марзи Туронзамин
Ба шамшер шоҳ оварам рӯзи кин.
Бисуфтам, кунун бишнав аз ман варо
Ҳамон гӯши Пирон бад-ин ханҷаро.
Зи Ҷайҳун ба мардӣ ману шаҳрёр
Чунон чун шунидӣ, бикардам гузор.
Ҳунарҳои мардон ба рӯзи набард
Чунин аст, эй турки ҷон пур зи дард.
Дареғо, агар Туси ял ин набард
Ба ман бахшад, он гаҳ ки бинӣ ту мард.
Чунонат аз ин зини тузӣ ба зер
Дарорам, ки гардӣ ту аз ҷанг сер.

www.sattor.com

Гирифтанд аз он пас амуди гарон,
Ҳаме ҳамла кард он бар ин, ин бар он.

Замин гашт гардону шуд рӯз тор,
Яке абр баст аз бари корзор.

Ту гуфтӣ шаб омад бар эшон ба рӯз,
Ниҳон гашт хуршеди гетифурӯз.

Аз он чок-чоки амуди гарон
Шуд оҳан ба кирдори чочикамон.[1]

Ба чарх[2] - андарун бонги пӯлод хост,
Ба дарёи Шаҳд-андарун бод хост.[3]

Ту гуфтӣ, ки санг аст сар зери тарг,
Сияҳ шуд зи захми[4] ялон рӯи марг.

Гирифтанд шамшери ҳиндӣ ба чанг,
Фурӯ рехт оташ зи пӯлоду санг.

Зи нерӯи гарданкашон[5] теғи тез
Хам оварду аз захм шуд рез-рез.

Чу шуд ком бе обу пурхок сар,
Гирифтанд ҳар ду дуволи камар.

1. Л-Сароншон чу сандони оҳангарон.
2. ИЛМ-абр.
3. ТПИЛ-пас аз б. 265 ин б. омада:
Хам овард румиамуди* гарон,
Шуд оҳан ба кирдори чочикамон.
* Л-рӯин амуди.
4. Л-зӯри.
5. И-гардон.

www.sattor.com

Зи нерӯи гурдон гарон шуд[1] рикеб
Якеро наёмад[2] сар андар нишеб.[3]

Камарбанд бугсасту Ҳумон бичаст,
Яке аспи осударо барнишаст.

Сипаҳбад сӯи таркаш овард чанг,
Камонро ба зеҳ карду тири ханданг.

Бар он номвар тирборон гирифт,
Чапу рост ҷанги саворон гирифт.

Зи пайкони пӯлоду парри уқоб
Сияҳ шуд миёни фалак офтоб.

Ҷаҳон чун шаби тира ду пос гашт,
Ҳама рӯи гетӣ чу алмос[4] гашт.

Зи тири ханданг аспи Ҳумон бихаст,
Тани борагӣ гашт бо[5] хок паст.[6]

Сипар бар сар оварду нанмуд рӯй,
Нигаҳ дошт ҷангӣ сар аз тири ӯй.

Чу ӯро пиёда бад-он размгоҳ
Бидиданд гурдони туронсипоҳ,

Ки пардахт монад ҳаме ҷои ӯй,
Бибурданд пурмоя болои ӯй.

1. Л-буд.
2. Л-Ки ояд якеро.
3. И-б. 270 нест.
4. ЛМ-Ту гуфтӣ, ки кишвар пуралмос.
5. Л- чун.
6. ТПЗ- Биларзид бар худ чу барги дарахт,
Ба худ гуфт моно, ки баргашт бахт.

www.sattor.com

Чу Ҳумон бар он зина тузӣ нишаст,
Яке теғи ҳиндӣ гирифта ба даст,

Ҳама номдорони пурхошҷӯй
Якояк бад-ӯ - дар ниҳоданд рӯй,

Ки шуд рӯз торику бегоҳ гашт,
Зи ҷанги ялон даст кӯтоҳ гашт.[1]

Зи рӯи ту чашми бадон дур бод,
В-аз ин разм фарҷоми ту сур бод!

Бупечид Ҳумони ҷангӣ инон,
Сипаҳбад бар ӯ рост карда синон.[2]

Ба наздики Пирон шуд аз размгоҳ,
Хурӯше баромад зи туронсипоҳ,

Ки чун буд кори ту, эй размҷӯй,
Чу бо Тус рӯй андаромад ба рӯй.[3]

Ҳама пок бо дил пур аз хун будем,
Ҷуз Эзад надонад, ки мо чун будем.

Ба лашкар чунин гуфт Ҳумони шер,
Ки «Эй размдида ялони[4] далер,

---

1. ТПЗ - Бирафтанд гурдон ҳама пеши Тус,
Сипаҳ наъра бардошту овои кӯс,
Бар ӯ-бар ҳаме хонданд офарин,
Бигуфтанд, к-эй номдори гузин.
2. ТПЗ-ба ҷои б. 284 ин б. омада:
Ки имрӯз доди ту дар ҷанг дод,
Ба дидори рӯи ту шодем, шод.
Чу Ҳумон биёмад зи дашти набард,
Бипурсид лашкар аз он коркард.
3. И-б. 285,286 нест.
4. И-сипоҳи.

www.sattor.com

Чу равшан шавад тира шаб, рӯзи мост,
Ҳамон ахтари гетиафрӯзи[1] мост.

Шуморо ҳама шодмонӣ бувад,
Маро ахтари осмонӣ бувад».

В-аз он сӯ[2] ҳаме бархурӯшид Тус
Шаби тира то гоҳи бонги хурӯс.

Ҳаме гуфт Ҳумон чӣ марди ман аст,
Ки шери[3] жиён ҳамнабарди ман аст.[4]

ҶАНГИ ДУВУМИ ЭРОНИЁН ВА ТУРОНИЁН

Чу чархи баланд аз шаб аз тоҷ кард,
Шамома пароканд бар ложвард,

Талоя зи ҳар сӯ бурун тохтанд,
Ба ҳар пардае посбон сохтанд.

Чу барзад сар аз бурҷи харчанг[5] шед,
Ҷаҳон гашт чун рӯи румӣ сапед.

Табира баромад зи ҳар ду сарой,
Ҷаҳон шуд пур аз нолаи каррной.

Ҳаво тира гашт аз фурӯғи дурафш
Табархуну шабгуну зарду бунафш.[6]

---

1. Л-Ки ахтар ба гетӣ дилафрӯзи.
2. ИЛМ-зи лашкар.
3. И-пили.
4. ТПЗ- Саронро бибуррам бад-ин кина сар,
   Намоям ҳам акнун ялонро ҳунар.
   Намонам ба Туронзамин ҳеч мард,
   Магар хаставу баставу рӯйзард.
5. Л-чарх хуршеди шед.
6. ТП - Баромад дами ною овои кӯс,
   Ҳаме осмон бар замин дод бӯс.

www.sattor.com

Кашида ҳама теғу гурзу синон,
Ҳама чангро гирд карда инон.

Ту гуфтӣ сипеҳру замону замин
Бипӯшад ҳаме чодари оҳанин.

Ба парда - дарун шуд хури тобнок
Зи ҷӯши саворону аз гарди хок.

Зи ҳуррои аспону овои кӯс
Ҳаме осмон бар замин дод бӯс.

Сипаҳдор Ҳумон давон пеши саф
Яке хишти рахшон гирифта ба каф.

Ҳаме гуфт: «Чун ман барорам хурӯш,
Барангезам аспу бароям ба ҷӯш.

Шумо яксара теғҳо баркашед,
Сипарҳои чинӣ ба сар даркашед.

Мабинед ҷуз ёли аспу инон,
Нахоҳам камону нахоҳам[1] синон.

Ба теғу амуду ба гурзи гарон,
Чунон чун бувад расми кундоварон.

Инон пок бар ёли аспон ниҳед,
Бад-он сон ки ояд, хуреду диҳед».

Чу ин гуфт[2] Ҳумон савори далер,
Биёмад ба пеши бародар чу шер.

Ба Пирон чунин гуфт, к-«Эй паҳлавон,
Ту букшой банд аз силеҳи гарон.[3]

1. ЛМ-набояд.
2. И-В-аз он рӯй.
3. Л-гарон.

www.sattor.com

Або[1] ганҷу динор ҷуфтӣ макун,
Зи баҳри силеҳ эч зуфтӣ макун.

Гар имрӯз гардем пирӯзгар,
Биёбад дил аз ахтари нек бар».[2]

В-аз ин сӯй лашкар сипаҳдори Тус
Биёрост бар сони чашми хурӯс.

Бар ӯ-бар ялон офарин хонданд,
Варо паҳлавони замин хонданд,

Ки пирӯзгар буд рӯзи набард,
Ба мардӣ зи Ҳумон баровард гард.

Сипаҳбад ба Гударзи Кашвод гуфт,
Ки «Ин роз бар кас нашояд нуҳуфт.

Агар лашкари мо пазира шаванд,
Саворони бадхоҳ чира шаванд.

Ҳама даст яксар ба Яздон занем,
Манӣ аз тани хештан бифканем.

Магар даст гирад ҷаҳондори мо,
В-агарна бад аст ахтари кори мо».[3]

---

1. ИЛ-Ту бо.
2. ТПЗ- Чу бишнид Пирон аз ӯ ин сухан,
   Бар ӯ тоза шуд рӯзгори куҳан.
3. ТПЗЛ- Бад-ӯ гуфт Гударз, к-«Эй паҳлавон,
   Чаро тира кардӣ ту равшанравон?
   Зи душман ту дилро чӣ дорӣ дижам?
   Магардон забон андар ин бешу кам.
   Ки гурдони мо дилшикаста шаванд,
   Зи гуфтори ту низ хаста шаванд.
   Агар ахтари шоҳ равшан бувад,
   Чӣ донӣ, ки фирӯз душман бувад?
   Ки додори некидиҳиш ёри мост,
   Дилу теғу ахтар-ш солори мост.

www.sattor.com

Кунун номдорони зарринакафш
Бибошанд[*1] бо коваёнӣ дурафш.

Аз ин кӯҳпоя маҷунбед ҳеч,
На рӯзи набард асту гоҳи[2*3] басеч.

Ҳамоно, ки аз баҳри мо[4] як-дувист
Фузун аст бадхоҳ, агар беш нест».

Бад-ӯ гуфт Гударз: «Агар кирдгор
Бигардонад аз мо бади рӯзгор,

Ба бешиву каммӣ набошад сухун,
Дилу зӯри[5] эрониён бад макун.

Агар бад бувад гардиши[6] осмон,
Ба парҳези бешӣ нагардад замон.

Ту лашкар биёрою аз буданӣ
Равонро макун ҳеч фарсуданӣ».

Биёрост лашкар сипаҳдор Тус
Ба пилони ҷангиву мардону кӯс.

Ту, эй паҳлавон, ҳеч дил бад макун,
Магӯ ҳеч бо меҳтарон ин сухун».
Бад-ӯ гуфт Тус: «Эй ҷаҳондида мард,
Набинӣ ҳаме рӯзгори набард.
Ба дигар ки Ҳумон ба туризабон
Сухан гуфт аз ин бора бо паҳлавон,
Ки фирӯз гардем фардо ба чанг
Чу бар ғурм фирӯз гардад паланг.
Барорем аз эшон саросар димор,
Наёбад зи мо кас ба мо зинҳор.

1. М- Бибошед.
2. Л-ҷои; И-аст, кори.
3. М-Ки рӯзи диранг асту ҷои
4. ИЛ-мо ба ҳар.
5. ИМ-мағзи.
6. И-бахшиши.

www.sattor.com

Пиёда сӯи кӯҳ шуд бо буна,
Сипаҳдор Гударз бар маймана.

Рада баркашида ҳама яксара,
Чу Руҳҳому Гургин абар майсара.

Зи нолидани кӯс бо каррной
Ҳаме осмон андаромад зи ҷой.

Дили чархи гардон ҳама чок шуд,
Ҳама коми хуршед пурхок шуд.

Чунон шуд, ки кас рӯи ҳомун надид,
Зи бас гард, к-аз размгаҳ бардамид.

Биборид алмос аз тирамеғ,
Ҳаме оташ афрӯхт аз таргу теғ.

Синонҳои рахшону теғи сарон,
Гироидани гурзҳои гарон.[1]

Ҳаво гуфтӣ аз гурзу аз оҳан аст,
Замин яксар аз наълу аз ҷавшан аст.

Чу дарёи хун шуд ҳама дашту роғ,
Ҷаҳон шуд шабу теғҳо чун чароғ.

Зи бас нолаи кӯс бо каррной
Ҳаме кас надонист сарро зи пой.[2]

Сипаҳбад ба Гударз гуфт, он замон,
Ки «Торик шуд гардиши осмон,

---

1. ЛМ-Дурафш аз бару зер кундоварон.
2. ТПЗ- Чу дебои хун шуд ҳама размгоҳ,
На хуршед аз гард равшан, на моҳ.

www.sattor.com

Маро гуфта буд он ситорашинос,
Ки имрӯз то шаб гузашта се пос.

Зи шамшер гурдон чу абри сиёҳ
Ҳаме хун фишонанд дар размгоҳ.

Саранҷом тарсам, ки пирӯзгар
Набошад ҷуз аз[*1] душмани кинавар.

Чу Шедӯшу Руҳҳому Густаҳму Гев,
Чу Харроду Фарҳоду Барзини нев.[1]

Зи саф дар миёни сипоҳ омаданд,
Ҷигархаставу кинахоҳ омаданд.

Ба абр андаромад зи ҳар сӯ ғирев,
Ба сони шаби тору анбӯҳи дев.

В-аз он сӯй[2] Ҳумон ба кирдори кӯҳ
Биёвард лашкар гурӯҳогурӯҳ.[3]*2

Зи бас гурзу кӯполу теғу синон
Набуд ҳеч пайдо рикеб аз инон.[4]

Аз он пас гузиданд мардони мард,
Ки бар дашт созанд ҷои набард.

Гуроза сари гевагон бо Наҳил,
Ду гурди гаронмояи шердил.

---

1. Л-Зиреҳдор Барзину Харроди нев; И-Зиреҳдор Гургину Харроди нев;
   ТПЗ- Ки буданд ҳар як яке аждаҳо,
   Ки душман надидӣ аз эшон раҳо.
2. ИЛ-рӯй.
3. ИЛ-ҳама ҳамгурӯҳ.
4. ТПЗЛ - Ба анбӯҳ разме ба кирдори кӯҳ
   Бикарданд лашкар гурӯҳогурӯҳ.

www.sattor.com

Чу Руххоми Гударзу Фаршедвард,
Чу Шедӯши Лаххок буд[1] ҳамнабард,

Або Бежани Гев Гулбодро,
Ки барҳам зананд оташу бодро.

Або Шетарах номвар Гев буд.[*2]
Ду гурди гаронмояи нев буд.[*3]

Чу Гударзу Пирону Ҳумону Тӯс
Набуд ҳеч бедоду рангу фусӯс.[4]

Чунин гуфт Ҳумон, ки «Имрӯз кор
Набояд, ки чун дӣ бувад корзор.[5]

Тиҳӣ кард бояд аз эшон замин,
Набояд, ки ёзанд аз ин пас ба кин».[6]

Ба пеш андаромад сипаҳдор Тус,
Пиёда биёварду пилону кӯс.

Сафе баркашиданд пеши савор,
Сипардору жӯпинвару найзадор.

«Маҷунбед, - гуфт, -эч аз ҷои хеш,
Синону сипар андаоред пеш.

---

1. И-шуд.
2. М-ба ҷуз.
3. М – ҳама ҳамгурӯҳ.
4. ТПЗ- Бад-ин гуна дар ҷанг карданд рой,
Баромад ҳаме нолаи каррной.
Далерон ба якдигар ошуфтанд,
Ҳаме гурз бар якдигар кӯфтанд.
Аз эрониён бахт баргашта буд,
Ҳама дашт аз эшон пур аз кушта буд.
5. ТПЗ- Ҳама ҷони ширин ба каф барниҳед,
Ба кина хурӯшеду ханҷар диҳед.
6. И-б. 352,353 нест.

www.sattor.com

Бубинем, то ин набардасарон
Чӣ гуна гироянд гурзи гарон».[1]

ҶОДУӢ КАРДАНИ ТУРОНИЁН БАР СИПОҲИ ЭРОН

Зи туркон яке буд, Бозӯр ном,
Ба афсун ба ҳар ҷой густарда гом.

Биёмӯхта каждживу ҷодувӣ,
Бидониста ҳам чиниву[2] паҳлавӣ.

Чунин гуфт Пирон ба афсунпижӯҳ,
К-аз эдар бирав то сари теғи кӯҳ.

Яке барфу сармову боди дамон
Бар эшон биёвар ҳам андар замон.[3]

Чу шуд марди ҷоду бар он ҷо равон,
Баромад яке барфу боди дамон.[4]

Ҳама дасти найзагузорон зи кор
Фурӯ монд аз барф дар корзор.

Бад-он растахезу дами замҳарир
Хурӯши ялон буду бонги тир.

---

1. ТПЗ- Ҷаҳон бар кӣ гардад ба оини меҳр,
Киро даррабояд ба гетӣ сипеҳр.
2. И-ҳамчунин.
3. ТПЗИЛМ - Ҳаво тирагун буд худ аз тирамоҳ,
Ҳаме гашт бар кӯҳ абри сиёҳ*.
* Л- пас аз ин б. байти зерин омада:
Биёвард аз афсун ба эрониён
Яке боду сармову ранҷи гарон.
4. Л-Ба афсӯс яке абр кардаш равон; Л-пас аз б. 362 ин б. омада:
Биғуррид раъду фиғон кард бод,
Яке соиқа дар ҷаҳон уфтод.

www.sattor.com

Бифармуд Пирон, ки «Яксар[1] сипоҳ,
Яке ҳамла созед аз ин[*2] размгоҳ.

Чу бар найза-бар дастҳошон фусурд,
Наёраст бинмуд кас дастбурд».

В-аз он пас баровард Ҳумон ғирев,
Яке ҳамла овард чун наррадев.[3]

Бикуштанд чандон аз эрониён,[4]
Ки дарёи хун шуд ҳаме дар миён.[5]

Дару дашт гашта пур аз барфу хун,
Саворони Эрон фиганда нагун.

Зи кушта набуд ҷои гаштан ба ҷанг,
Зи барфу зи афканда шуд ҷой танг.[6]

Сипаҳдору гарданкашон он замон
Гирифтанд зорӣ сӯи осмон,

Ки «Эй бартар аз донишу ҳушу рой,
На бар ҷою дар ҷою ҳар ҷо ба ҷой.

Ҳама бандаи пургуноҳи туем,
Ба бечорагӣ додхоҳи туем.[7]

---

1. И-ба ҷумла.
2. М- Гевро.
3. ИЛ- бар сони дев.
4. И-эронсипоҳ.
5. И-ҳама размгоҳ.
6. ТПЗИЛМ- Табаҳ гашта бар дашт шамшеру даст*,
Ба рӯй андарафтода бар сони маст.
Набуд ҷои гардиш ба он размгоҳ,
Шуда дасти лашкар зи сармо сиёҳ.
* З- Сияҳ гашта бар дастаи теғ даст; Л- Сипаҳ кушта бар дашту шамшер даст; И- Сипаҳ кушта шамшеру ханҷар ба даст.
7. ТПЗИ - Зи афсуну аз ҷодуи бартарӣ,
Ҷаҳондору бар доварон доварӣ.

www.sattor.com

Ту бошӣ ба бечорагӣ дастгир,
Тавоно абар отошу[1] замҳарир.

Аз ин сахт сармо ту фарёд рас,
Надорем ҷуз ту касеро ба кас».

Биёмад яке марди донишпижӯҳ,
Ба Руҳҳом бинмуд б-ангушт кӯҳ.

Куҷо ҷои Бозӯри Настӯҳ буд,
Ба афсуну тунбал бар он кӯҳ буд.

Бупечид[2] Руҳҳом аз ин размгоҳ,
Бурун[3] тохт асп аз миёни сипоҳ.

Зиреҳ доманашро бизад бар камар,
Пиёда баромад бар он кӯҳсар.

Чу ҷоду бидидаш, биёмад ба ҷанг,
Амуде зи пӯлоди чинӣ ба чанг.

Чу Руҳҳом наздики ҷоду расид,
Сабук теғи тез[4] аз миён баркашид.

Бияфканд досташ ба шамшери тез,
Яке бод бархост чун растахез.[5]

Зи рӯи ҳаво абри тира бибурд,
Фуруд омад аз кӯҳ Руҳҳоми гурд.

---

1. ЛМ- Зи мо як ба як дур кун.
2. И- Бичунбид.
3. И- Бадӯ.
4. Л-кин.
5. Л- Ба досташ яке теғ зад аз ситез,
   Л- Зи тан дасти ӯ чун бияфканд рост,
   Яке бод чун растахезе бихост.

www.sattor.com

Яке дасти Бозӯри ҷоду бубаст,
Ба ҳомун шуду борагӣ барнишаст.

Ҳаво гашт аз он сон, ки аз пеш буд,
Фурӯзанда хуршеду гардун кабуд.[1]

Падарро бигуфт, он чӣ ҷоду бикард,
Чӣ овард бар мо[2] ба рӯзи набард.

Бидиданд аз он пас далерони шоҳ,
Чу дарёи хун гашта овардгоҳ.

Ҳама дашт яксар аз эрониён
Тани бесарон буд, сари бетанон.

Чунин гуфт Гударз аз он пас ба Тус,
Ки «На пил бояд, на овои кӯс.

Ҳама теғҳо яксара баркашем,
Барорем ҷӯш, ар кушанд, ар кушем.

Ҳамоно, ки моро сар омад замон,
На рӯзи каманд асту тиру камон».

Бад-ӯ гуфт Тус: «Эй ҷаҳондида пир,
Ҳаво гашт пок аз дами замҳарир.

Чаро сар ҳаме дод бояд ба бод,
Чу фарёдрас фарраву зӯр дод.

Макун пешдастӣ, ки[3] дар ҷанги мо
Кунанд ин далерон худ оҳанги мо.

---

1. ТПЗ- Сари пири ҷоду ба теғи гарон.
Бияфканд пеши гузида сарон.
2. Л-Сармо
3. ИЛ-ту.

www.sattor.com

Зи баҳри замона пазира машав,
Ба наздики бадхоҳ хира машав.

Ту дар қалб бо ковиёнӣ дурафш
Ҳаме бош, дар чанг[1] теғи бунафш.

Сӯи маймана Геву Бежан ба ҳам,
Нигаҳбон абар майсара Густаҳам.

Чу Руҳҳому Шедӯш дар пеши саф,
Гуроза ба кин бар лаб оварда каф.

Агар ман шавам кушта з-ин размгоҳ,
Ту баркаш сӯи шоҳи Эрон сипоҳ.

Маро марг номитар аз сарзаниш
Ба ҳар ҷои беғораи бадкуниш.

Чунин аст гетӣ пурозору дард,
Аз ӯ то тавон, гирди бешӣ магард.

Фузуниш як рӯз бигзоядат,
Ба будан замоне наяфзоядат».

Дигарбора баршуд дами каррной,
Хурӯшидани зангу ҳиндидарой.

Зи бонги саворони пархошхар,
Дурахшидани теғу захми табар,

Зи пайкону аз гурзу жӯпину тир
Замин шуд ба кирдори дарёи қир.

Ҳама дашт бетан сару ёл буд,
Ҳама гӯш пурзахму кӯпол буд.

1. Л-Ҳаме дор якчанд.

www.sattor.com

Ҳаме тира шуд рӯи ахтар дурушт,
Далерон ба душман намуданд пушт.

Чу Тусу чу Гударзу Геви далер,
Чу Шедӯшу Бежан чу Руҳҳоми шер,

Ҳама барниҳоданд ҷонро ба каф,
Ҳаме ном[1] ҷустанд дар пеши саф.

Ҳар он кас, ки бо Тус дар ҷанг буд,
Ҳама номдору куноранг буд.

Ба пеш - андарун хун ҳаме рехтанд,
Ялон аз паси пушт бугрехтанд.

Яке мӯбаде Туси ялро бихонд,
«Паси пушти ту,- гуфт,-лашкар[2] намонд.

Набояд, к-ат андар миён оваранд,
Сипаҳ бар сипаҳбад зиён оваранд».

Ба Геви далер он гаҳе Тус гуфт,
Ки «Бо мағзи лашкар хирад нест ҷуфт,

Ки моро бар ин гуна бугзоштанд,
Ба хира[3] чунин рӯй баргоштанд.

Ту рав бозгардон сипаҳро зи роҳ
Ба беғораи душману шарми шоҳ».

Бишуд Геву лашкар ҳама бозгашт,
Пур аз кушта диданд ҳомуну дашт.

1. ИЛМ-Ҳама разм.
2. ЛМ-ҷангӣ.
3. ЛМ-рӯзе.

www.sattor.com

Сипаҳбад чунин гуфт бо меҳтарон,
Ки ин аст нерӯю ҷанги сарон.

Кунун чун рухи рӯз шуд тирагун,
Ҳамон[*1] рӯи кишвар чу дарёи хун.

Яке ҷои ором бояд гузид,
Агар тирашаб[*2] худ тавон орамид.

Магар кушта ёбад ба ҷои мағок-
Яке бистар аз регу чодар зи хок.

РАФТАНИ ЭРОНИЁН БА КӮҲИ ҲАМОВАН

Ҳама бозгаштанд яксар зи ҷанг,
Зи хешон ҷигархаста, сар пур зи нанг.

Сар аз кӯҳ барзад ҳам он гоҳ моҳ
Чу бар тахти пирӯза пирӯз шоҳ,

Сипаҳдор Пирон[3] сипаҳро бихонд,[4]
Ҳаме гуфт, душман[5] фаровон намонд.[6]

Бад-он гаҳ, ки дарёи ёқути зард,-
Занад мавҷ бар кишвари лоҷвард,[7]

Касеро зи зиндаст, беҷон кунам,
Бад-эшон дили шоҳ печон кунам.

---

1. М-Ҳама.
2. М-Хира шаб
3. И-Сипаҳдори Турон.
4. Л-ҳам андар замон.
5. ИМ-аз эшон.
6. Л-бо лашкари бадгумон.
7. ТПЗ - Аз эшон намонам якеро ба ҷой,
Ба мардию гурдию нерӯю рой.

www.sattor.com

Бирафтанд бо шодмонӣ зи ҷой,
Нишастанд дар пеши пардасарой.

Ҳама шаб зи овози чангу рубоб
Сипаҳро наёмад бар он дашт хоб.

В-аз ин нима эрониён[1] мустаманд
Падар бар писар сӯгвору нажанд.

Ҳама дашт пуркуштаву хаста буд,
Ба хуни бузургон замин шуста буд.

Чапу рости овардгаҳ[2] дасту пой,
Ниҳодан надонист кас боз[3] ҷой.

Ҳама шаб ҳаме хаста бардоштанд,
Чу бегона буд, хор бугзоштанд.

Абар кушта[4] оташ ҳаме сӯхтанд,
Гусиста бубастанду бардӯханд.

Фаровон зи гударзиён хаста буд,
Басе кушта буду касе баста буд.

Чу бишнид Гударз, барзад хурӯш,
Замин омад аз бонги эшон ба ҷӯш.[5]

Ҳама меҳтарон ҷома карданд чок,
Ба сар барпароканд Гударз хок.

1. Л-сӯи лашкар ҳама; И-рӯй лашкар ҳама.
2. И-лашкар ҳама.
3. И-пой.
4. ИЛ- Бари хаста.
5. Л-б. 405 нест.

www.sattor.com

Ҳаме гуфт, к-«Андар ҷаҳон кас надид,
Ба пиронсар ин[*1] бад, ки бар ман расид.

Чаро боядам зинда бо пирасар,
Ба хок - андар афканда чандин писар?

Аз он рӯзи торе,[*2] ки ман зодаам,
Зи хафтон миён ҳеч накшодаам.

Ба ҷанги ялону саворони ман
Наберу писар буд ёрони ман.

Ба ҷанги нахустин зи Туронзамин
Намонд эч аз тухми ман рӯзи кин.

Ҷудо гашт аз ман чу Баҳроми пур,
Магар гашта шудмон ба якбора ҳур.[3]

Ба фарҷом чандин сари анҷуман
Бубинам ҳаме кушта дар пеш ман».

Зи Гударз чун огаҳӣ шуд ба Тус,
Мижа кард пурхуну рух сандарус.

Хурӯшу фиғоне баровард зор,
Фаровон биборид хун бар канор.

Ҳаме гуфт: «Агар Нӯзари поктан
Накиштӣ паю бехи ман бар чаман,

Набудӣ маро ранҷу тимору дард,
Ғами куштаву дарди рӯзи набард,

1. М – пирӣ чунин.
2. М-рӯз бозе.
3. ИЛб. 440-442 нест.

www.sattor.com

Ки то ман камар бар миён бастаам,
Ба дил хастаам, гар ба ҷон растаам.

Ҳам акнун тани куштагонро ба хок
Бипӯшед ҷое ки бошад мағок.

Сарони бурида сӯи тан баред,
Буна сӯи кӯҳи Ҳамован баред.

Барoред лашкар ҳама*[1] ҳамгурӯҳ,
Саропардаву хайма бар сӯи кӯҳ.

Ҳаюне фиристем наздики шоҳ,
Дилаш барфурӯзад, фиристад сипоҳ.

Бад-ин худ саворе фиристодаам,
Варо пеш аз ин огаҳӣ додаам.

Магар Рустами Золро бо сипоҳ
Сӯи мо фиристад бар ин размгоҳ».

Сипаҳ барнишонду буна барниҳод,
В-аз он куштагон кард бо дард[2] ёд[3].

ГИРД КАРДАНИ ТУРОНСИПОҲ КӮҲИ ҲАМОВАНРО

Чу хуршеди тобанда бинмуд тоҷ,
Бигустард кофур бар тахти оҷ,

Ҳамоно, ки фарсанг даҳ[4] рафта буд,
Бадандеш аз хастагӣ хуфта буд.

---

1. М-Биронем лашкар ҳама.
2. ИЛ-бисёр.
3. ТПЗ- Ҳама шаб ҳамеронд бо дарду тоб
   Дили чун кабобу сари пуршитоб.
4. И-сӣ.

www.sattor.com

Бад-ин сон ҳаме рафт рӯзу шабон
Пур аз ғам дилу ночарида лабон.

Ба[1] наздики кӯҳи Ҳамован расид,
Бар он домани кӯҳ лашкар кашид.

Ҳама дида пурхуну дил пур зи доғ,
Зи ранҷи равон гашта чун парри зоғ.[*2]

Чунин гуфт Туси сипаҳбад ба Гев,
Ки «Эй пурхирад номбардор нев,

Се рӯз аст, то з-ин нишон рафтаем,
Ба хобу ба хӯрдан напардахтаем.

Биёву биёсою чизе бих(в)ар,
Ба осоишу ҷома бинмой сар,

Ки ман бегумонам, ки Пирон ба ҷанг
Биёяд паси пуштамон бедиранг.

Касеро ки осудатар, з-ин гурӯҳ
Ба Бежан бимону ту баршав ба кӯҳ».

Бишуд Гев бо хастагон сӯи кӯҳ,
Зи ҷон гашта серу зи гетӣ сутӯҳ[3].

Сабук хастагонро сӯи диж кашид,
Зи осудагон лашкаре баргузид.

Чунин гуфт, к-ин кӯҳи Сурхони мост,
Бибояд кунун хештан кард рост.

1. Ил-Чу.
2. М-б. 461 нест.
3. ИЛ-б. 466 нест.

www.sattor.com

Талоя зи кӯҳ андаромад ба дашт,
Бад-он то бад-эшон наёбад гузашт.

Зи ҷӯши нигаҳбону[*1] овои занг,
Ту гуфтӣ хурӯш омад аз кӯҳу санг.[2]

Чунин то[3] баромад зи кӯҳ[4] офтоб,
Дили лашкари турк шуд пуршитоб[5*6].

Зи даргоҳи Пирон баромад хурӯш,
Чунон шуд, ки бархезад зи хок ҷӯш.[7]

Чу оташ сипаҳдори туронсипоҳ
Биёвард лашкар сӯи размгоҳ.

Ба Ҳумон чунин гуфт, к -«Акнун ба[8] ҷанг
Ҳамоно набошад фаровон диранг.

Саворони Эрон ҳама куштаанд,
Ва ё хаста аз ҷанг[9] баргаштаанд».

Бизад кӯсу аз дашт бархост ғав,
Ҳаме рафт пеши сипаҳ пешрав.

Расиданд гурдон бад-он размгоҳ,
Ҳама размгаҳ хайма буд бесипоҳ.

Бишуд пеши Пирон яке муждаҳоҳ,
Ки кас нест эдар зи эронсипоҳ.

---

1. М-Ғави дидбонону.
2. Л-б. 470 нест.
3. ЛМ-Пас он гаҳ; И-Ҳам он гаҳ.
4. Л- чарх.
5. Л-Сипаҳбад биёмад сӯи рӯди Об; И-Ҷаҳон гашт бар сони дарёи Об.
6. М-Талоя биёмад сӯи рӯди об.
7. И-кор гашт з-овози гӯш.
8. Л-к-имрӯз.
9. Л-Дигар хаста аз разм.

www.sattor.com

Ба шодӣ баромад зи лашкар хурӯш,
Ба фармони Пирон ниҳоданд гӯш.

Сипаҳбад чунин гуфт бо бихрадон,
Ки «Эй номвар пургуҳар[*1] мӯбадон,

Чӣ созему инро чӣ орем рой,
Ки акнун зи душман тиҳӣ монд ҷой?!

Саворони лашкар зи пиру ҷавон
Ҳама тез гаштанд бо паҳлавон,

Ки «Лашкар гурезон шуд аз пеши мо,
Шикаст омад андар бадандеши мо.

Яке размгоҳ аст пурхуну хок,
Аз эшон на ҳангоми тарс асту бок.

Бибояд паси[2] душман андаргирифт,
Зи ҳушу хирад[3] гар бимонӣ шигифт.

Гурезон зи бод андаромад[4] ба об,
Беҳ ояд зи мӯлидан андар шитоб».

Чунин гуфт Пирон, ки «дар кори[5] ҷанг
Шавад суст пои шитоб аз диранг.[6]

Сипоҳе ба кирдори дарёи Об
Шуданд анҷуман пеши Афросиёб.

1. М-богуҳар.
2. ИЛ-паи.
3. Л-ҳавлаш сазад.
4. Л-андар ояд.
5. Л-гоҳӣ.
6. ТПЗ- Бувад расму оини марди далер,
Ки орад ба оҳистагӣ шер зер.

www.sattor.com

Бимӯлем, то он сипоҳи гарон
Биёянд гурдону ҷанговарон.[1]

В-аз он пас ба Эрон намонем кас,
Чунон аст рои хирадманду бас».

Бад - ӯ гуфт Ҳумон, ки «Эй паҳлавон,
Маранҷон бад-ин кор чандин равон.

Сипоҳе ҳама паҳлавону савор,
Камандафкану гурду ханҷаргузор.[2]

Кунун хаймаву гоҳу пардасарой
Ҳама монда бар ҷою рафта зи ҷой.

Чунон дон, ки рафтан зи бечорагист,
Намудан ба мо пушт якборагист.

Намӯлем[*3] то назди Хусрав шаванд,
Ба даргоҳи ӯ лашкари нав шаванд.

Зи Зобулистон Рустам ояд ба ҷанг,
Зиёне бувад саҳмгин з-ин диранг.

Кунун тохтан боядам сохтан,
Фусунҳову найрангҳо бохтан.

Чу Гударзро бо сипоҳдор Тус,
Дурафши ҳумоюну пилону кӯс,

1. ИЛ-кундоварон.
2. ТПЗИЛ – Ҳама хаста рафта аз ин ҷо сипоҳ
Ғиревону пӯён ба наздики шоҳ.
Сипоҳе бар он ҷӯшу он зӯру дам,
Шуда рӯи дарё аз эшон дижам*
* ИЛ-танҳо б. дувум дида шуд.
3. М – Бимулем.

www.sattor.com

Ҳама бегумоне ба чанг оварем,
Аз он беҳ, ки эдар диранг оварем».

Чунон дод посух бад-ӯ паҳлавон,
Ки «Бедордил бошу равшанравон.

Чунон кун, ки некахтару рои туст
Ки чархи фалак зери болои туст».

Паси лашкар - андар гирифтанд роҳ,
Сипаҳдору Пирону туронсипоҳ.

Ба Лаҳҳок фармуд, к -«Акнун маист,
Бичунбон, инон бо[1] саворе[*2] дувист».

Бад -ӯ гуфт: «Макшой банд аз миён,
Бубин, то куҷоянд эрониён».

Ҳаме рафт Лаҳҳок бар сони бод,
Зи хобу зи хӯрдан накард эч ёд.

Чу ниме зи тирашаб андаргузашт,
Талоя бидидаш ба торикдашт.

Хурӯш омад аз кӯҳу овои занг,
Надид эч Лаҳҳок ҷои диранг.

Ба наздики Пирон биёмад зи роҳ,
Бад-ӯ огаҳӣ дод аз эронсипоҳ,

Ки «Эшон ба кӯҳи Ҳамован-даранд,
Ҳама баста бар пеш роҳи газанд».

Ба Ҳумон чунин гуфт Пирон, ки «Зуд
Инону рикебат бибояд бисуд.

1. ИЛ- Бурун кард бояд.
2. М-Ҳам акнун бирав бо сипоҳе.

www.sattor.com

Бубар, он чӣ[1] бояд зи лашкар савор,
Зи гурдону гарданкашу[2] номдор,

Ки эрониён бо дурафшу сипоҳ
Гирифтанд кӯҳи Ҳамован паноҳ.

Аз ин разм ранҷ ояд акнун ба рӯй,
Хирад тез кун, чораи ин биҷӯй.

Гар он мурдари ковиёнӣ дурафш
Биёбӣ, шавад рӯзи эшон бунафш.

Агар даст ёбӣ ба шамшери тез,
Дурафшу ҳама найза кун рез-рез.

Ман инак пас-андар чу боди дамон
Биёям, насозам дирангу замон».

Гузин кард Ҳумон зи Турон савор
Сипардору шамшерзан сӣ ҳазор.

Чу хуршеди тобанда бинмуд чеҳр,[*3]
Ҷаҳон кард аз чеҳри худ пур зи меҳр.[*4]

Падид омад аз дур гарди сипоҳ,
Ғави дидабон[5] омад аз дидагоҳ,[6]

Ки омад зи Турон[7] сипоҳе падид,
Ба абри сияҳ гардашон бардамид.

---

1. ИЛ-чанд.
2. ИЛ-гурдони гарданкаши
3. М-Тоҷ.
4. М –Бигустурд кофур бар тахти оҷ.
5. И-дидбон.
6. И-дидгоҳ.
7. ИЛ-туркон.

www.sattor.com

Чу бишнид, ҷавшан бипӯшид Тӯс,
Баромад дами бӯқу овои кӯс.

Саворони Эрон ҳама ҳамгурӯҳ
Рада баркашиданд дар пеши кӯҳ.

Чу Ҳумон бидид он сипоҳи гарон,
Гироидани теғу гурзу синон,

Хурӯшону ҷӯшон чу шери жиён,
Миёни[*1] сипаҳ ахтари ковиён,

Чунин гуфт Ҳумон ба Гударзу Тус,
К-«Аз Эрон бирафтед бо пилу кӯс-

Сӯи шаҳри Турон ба кин хостан,
Бад-он марз лашкар бурун тохтан,[2]

Кунун ҳамчу нахчир рафта ба кӯҳ.[3]
Парешону аз ҷанг гашта[4] сутӯҳ.

Набошад аз ин коратон шарму нанг,
Хуру хобу ором бар кӯҳу санг.

Чу фардо барояд зи кӯҳ офтоб,
Кунам з-ин ҳисори ту дарёи об.

Фуруд орамат ман зи кӯҳи баланд,
Ду дастат бубандам ба хамми каманд.

Фиристам ба наздики Афросиёб,
Ҷудо гашта аз хӯрду орому хоб.[5]

---

1. М – Ба пеши.
2. И-б. 526 нест.
3. ИЛМ-баргузидӣ чу нахчир кӯҳ.
4. ИЛ-Шудастӣ зи гурдони Турон.
5. И-б. 530, 531 нест.

www.sattor.com

Бидонӣ, ки ин чора бечорагист,
Бар ин чораи ту[1] бибояд гирист».

Ҳаюне ба Пирон фиристод зуд,
К-аз андеша пайкори моро чӣ буд?

Дигар гуна буд з-он ки андохтем,
Бар эшон ҳаме тохтан сохтем.

Ҳама кӯҳ яксар сипоҳ асту кӯс,
Дурафш аз паси пушти Гударзу Тус.

Чунон кун, ки чун бардамад покрӯз,
Падид ояд аз чарх гетифурӯз.

Ту эдар бувӣ сохта бо сипоҳ,
Кунӣ рӯи ҳомун зи лашкар сиёҳ.

Фиристода наздики Пирон расид,
Бичӯшид, чун гуфти Ҳумон шунид.

Биёмад шаби тира ҳангоми хоб,
Ҳаме ронд лашкар ба кирдори об.

ОМАДАНИ ПИРОН АЗ ПАИ ЭРОНИЁН БА КӮҲИ ҲАМОВАН

Чу хуршед аз он чодари нилгун
Ғамӣ шуд, бидарриду омад бурун.

Сипаҳбад ба кӯҳи Ҳамован расид,
Зи гарди сипаҳ шуд замин нопадид.

1. ИЛ-Бад-он кӯҳи хоро.

www.sattor.com

Ба Ҳумон чунин гуфт, к -«Аз размгоҳ
Маҷунбу маҷунбон замоне сипоҳ.[1]

Бигӯям ба солори[2] эрониён,
Чӣ дорӣ ба пой[3] ахтари ковиён.

Ба кӯҳи Ҳамован кӣ додаш навид,
Бад-ин будан акнун чӣ дорад умед?»

Биёмад ба наздики эронисипоҳ,
Сари пур зи кина дили пургуноҳ.

Хурӯшид, к-«Эй номбардор Тус,
Худованди пилону кӯполу кӯс,[4]

Кунун моҳиён андаромад ба панҷ,
Ки то ту ҳаме разм ҷӯӣ ба ранҷ.

Зи гударзиён он куҷо беҳтаранд.[5]
Бар он размгаҳ-бар ҳама бесаранд.

Ту чун ғурм рафтастӣ андар камар,
Пур аз доварӣ дил, пур аз кина сар.

Гурезону лашкар пас-андар дамон,
Ба дом андаройӣ ҳаме бегумон»[6]

Чунин дод посух сарафроз Тус,
Ки «Ман бар дурӯғи ту дорам фусӯс.

---

1. ТПЗ - Ки то ман набинам яке рӯи Тус,
Чӣ дорад бар ин кӯҳ пилону кӯс?
2. ЛМ-Шавам бо сипаҳдори.
3. Л-дорад ба по
4. И-б. 541-546 нест.
5. ИЛ-меҳтаранд.
6. ТПЗ- Ба кини гаронмоя ҷангӣ Фуруд
Шуморо сар аз тан бибояд дуруд.

www.sattor.com

Паи кин ту афкандӣ андар ҷаҳон
Зи баҳри Сиёвуш миёни меҳон.

Зи гуфтори ёва надорӣ ту шарм,
Ба домат наёям ба гуфтори гарм.

Мабодо ба гетӣ чу ту паҳлавон
Миёни бузургону номоварон[1]*[2].

Ба савганд вайро биёндохтӣ,
Ҷаҳоне зи хунаш бипардохтӣ.

Зи баҳри ту монд ӯ ба Туронзамин
В-аз ӯ монд андар ҷаҳон разму[3] кин.

Дареғо, чунон[4] шоҳи озодмарг,
Ки будӣ зи рӯяш ҳаме шод мард.[5]

Бар ин созу чандин фиребу дурӯғ
Бари марди сангӣ нагирӣ[6] фурӯғ.[7]

Алаф танг буд андар он размгоҳ,
Аз ин бар Ҳамован кашидам сипоҳ.

Кунун огаҳӣ шуд ба шоҳи ҷаҳон,
Биёяд замон то замон бо меҳон.

Бузургони лашкар шаванд анҷуман,
Чу Дастону чун Рустами пилтан.

---

1. Л- Сабуксору бемағзу тираравон.
2. М-Бузургони равшанравон.
3. ЛМ-акнун ҷаҳон пур зи.
4. ЛМ-ончунон.
5. И-б. 553-557 нест.
6. И- Дили марди сангин надорад.
7. ТПЗ - Гаҳе ҷодуӣ нозиву гаҳ фусун,
   Ба фарҷоми корат бирезем хун.

www.sattor.com

Чу ҷунбидани шоҳ гардад дуруст,
Намонам ба Турон бару буму руст.

Кунун, к-омадӣ кори мардон бубин,
На гоҳи фиреб асту рӯзи камин».

Чу бишнид Пирон, зи ҳар сӯ сипоҳ
Фиристоду бигрифт бар кӯҳ роҳ.

Ба ҳар сӯ сипоҳ андаромад чу кӯҳ
Бар он кӯҳдоман гурӯҳогурӯҳ.[1]

Бар эшон чу роҳи алаф танг шуд,
Сипаҳбад сӯи чораи ҷанг шуд.

Чунин гуфт Ҳумон ба Пирони гурд,
Ки «Моро паи кӯҳ бояд сипурд.[2]

Яке кор созам, ки эрониён
Набанданд аз он пас ба кина миён».

Бад-ӯ гуфт Пирон, ки «Бар мост бод,
Накардаст кас разм бо бод ёд.

Чу роҳи алаф танг шуд бар сипоҳ,
Касе санги хоро надорад нигоҳ.

Зи фармони солор печанд сар[3],
Шавад тира дидори пархошхар.

---

1. ТПИМ- Зи* ҳар сӯ биёмад зи Турон гурӯҳ,
Сипоҳ анҷуман гашт бар гирди кӯҳ.
* И- Ба.
2. ТПЗ - Бад-ин гуна як ҳафта турониён
Бубастанд кинхостанро миён,
Камӣ кард эрониёнро х(в)ариш,
Ки танро диҳад хӯрданӣ парвариш.
3. Л-Ба дасти пиёда бупечад сипар.

www.sattor.com

Ҳама лашкар ояд ба зинҳори мо,
Аз ин пас наҷӯянд пайкори мо.

Бар эшон кунун ҷои бахшоиш аст,
На ҳангоми пайкору ороиш аст».[1]

ШАБЕХУН КАРДАНИ ЭРОНИЁН

Расид ин сиголиш ба Гударзу Тус,
Сари саркашон хира гашт аз фусӯс.

Чунин гуфт бо Тус Гударзи пир,
Ки «Моро кунун ҷанг[*2] шуд ногузир.

Се рӯз ар бувад хӯрданӣ, беш нест,
Ба[*3] як сӯ кушода раҳе пеш нест.

На хайма, на хиргаҳ, на бору буна,
Чунин чанд бошад сипаҳ гурсуна?!

Кунун чун шавад рӯи хуршед зард,
Падид ояд он чодари лоҷвард[4].

Бибояд гузидан саворони мард,
Зи боло шудан сӯи дашти набард.

Ба сони шабехун яке разм сахт-
Бисозем, то чун бувад ёр бахт.

Агар як ба як тан ба куштан диҳем
В-агар тоҷи гарданкашон барниҳем.

---

1. ТПЗЛ - Баросояд ин кишвар аз доварӣ,
Накӯбанд аз ин пас дари меҳтарӣ.
Ба Турон наёрад гузар кард кас,
Ба Эрон намонем кас шоду бас.
2. М – разм.
3. М – Зи.
4. И-б. 578 нест.

www.sattor.com

Чунин аст фарҷоми овардгоҳ,
Яке хок ёбад, яке фарру ҷоҳ»[*1].

Зи Гударз бишнид Тус ин сухан,
Дилаш[*2] буд пурдарду кини[3] куҳан.

Ҳаме буд то шаб намудор шуд,
Фурӯ рафт меҳру ҷаҳон тор шуд.

Чу бугзашт як пос аз тирашаб,
Бубастанд мардум зи гуфтор лаб.

Баророст Тус аз паи корзор,
Бихонд, он чӣ буданд мардони кор[4].

Зи[*5] як сӯй лашкар ба Бежан супурд,
Дигар сӯй Шедӯшу Харроди гурд.

Дурафши хуҷаста ба Густаҳм дод,
Басе панду андарзҳо кард ёд.

Худу Геву Руҳҳому чандин сарон
Ниҳоданд бар ёл гурзи гарон.

Ба сӯи сипаҳдор Пирон шуданд,
Чу оташ ба қалби сипаҳ барзаданд.[6]

---

1. М-чархумоҳ.
2. М-сараш.
3. Л-пур кин зи ҷаврӣ; И-Сараш буд пурдарди кини.
4. ИЛМ-б. 584-586 нест.
5. М-Ба.
6. Мубориз ҳамехӯрд бар худ дареғ.
   Биларзид бар кӯҳу дашт Аҳраман,
   Бинафрид аз дард бар хештан.
   Ҳазимат шуд аз бими он размгоҳ,
   Ба тан ларз-ларзон, ба қомат дутоҳ.
   Бинафрид бар гардиши рӯзгор,
   К-аз ин кор зорастамон корзор.

www.sattor.com

Чу дарёи хун шуд ҳама размгоҳ,
Хурӯше баромад баланд аз сипоҳ.

Дурафши сипаҳбад ба ду ним шуд,
Дили размҷӯён пур аз бим шуд.

Чу бишнид Ҳумон хурӯши сипоҳ,
Нишаст аз бари тозиаспи сиёҳ.

Биёмад, зи лашкар басе кушта дид,
Басе беҳуш аз разм баргашта дид.

Фурӯ рехт аз дида хун бар бараш,
Яке бонг зад тунд бар лашкараш.

Чунин гуфт, к -«Эдар талоя набуд,
Шуморо зи кин ҳеч моя набуд.

Ба ҳар як зи эшон зи мо сесад аст,
Ба овардгаҳ хуфтан-андар бад аст.[1]

Ҳало теғу кӯполҳо баркашед,
Сипарҳои чинӣ ба сар даркашед.

Зи ҳар сӯ бар эшон[*2] бигиред роҳ,
Кунун, к-аз бари кӯҳ кашад теғ моҳ.

Аз ин теғи гурдону теғи сарон
Саронро набуд сар ба тан-бар гарон.

1. ТПЗЛ - Набояд, ки гиранд моро забун,
Набояд, ки хонанд бар мо фусун.
Чунин разм ҳаргиз кӣ дорад ба ёд,
Ки шуд душмани хаста фирӯзу* шод?
Кунун найзаву гурз бояд задан,
Ҳама чашми душман ба тир озадан.

* Л-душман зи мо гашт як рӯз.

2. М-Бар ин саркашон ҳам.

www.sattor.com

Раҳоӣ набояд, ки ёбанд ҳеч,
Аз эшон кӣ дорад[1] дирангу басеч?»

Баромад хурӯшидани каррной,
Ба ҳар сӯ бирафтанд гурдон зи ҷой.

Гирифтандашон аксар андар миён
Саворони Эрон чу шери жиён.

Чунон оташ афрӯхт аз таргу теғ,
Ки гуфтӣ ҳаво[2] гурз борад зи меғ.

Шаби тору шамшеру гарди сипоҳ,
Ситора на пайдо, на тобанда моҳ.

Зи ҷавшан ту гуфтӣ ба бор-андаранд,
Зи торӣ ба дарёи қор-андаранд.

Ба лашкар чунин гуфт Ҳумон, ки «Бас,
Аз ин меҳтарон мафканед ҳеч кас.

Ҳама пеши ман дастгир оваред,
Набояд, ки хаста ба тир оваред».

Чунин гуфт лашкар ба бонги баланд,
Ки «Акнун ба бечорагӣ даст банд.

Диҳед ар, ба гурзу ба жӯпин диҳед,
Саронро зи хун тоҷ бар сар ниҳед»[3].

Чунин гуфт бо Геву Руҳҳом Тус,
Ки «Шуд ҷони мо бегумон бар фусӯс.[4]

---

1. Л-ёбад.
2. ИМ-Ту гуфти ҳаме.
3. Л-б. 608 нест.
4. Л-пурфусӯс.

www.sattor.com

Магар кирдгори сипеҳри баланд,
Раҳонад тану ҷони мо з-ин[1] газанд.

Ва гар на ба парри уқоб-андарем
Ва ё на ба*[2] дарёи об-андарем».

Яке ҳамла карданд, ҳар се ба ҳам,
Чу бархезад аз ҷой шери дижам.

Баромад дигар раҳ ғави кӯсу ной,
Хурӯшидани занги ҳиндидарой.

Надиданд кас ёли аспу инон,
Зи тангӣ ба чашм андаромад синон.

Чунин гуфт Ҳумон ба овози тез,
Ки «На ҷои ҷанг асту роҳи гурез.

Барангехт аз ҷоятон бахти бад,
Ки то бар тани бадкуниш бад расад»[3].

Се ҷанговару хормоя сипоҳ
Бимонда миёни чунон[4] размгоҳ.

Фаровон зи Рустам гирифтанд ёд,
Ки «Ӯ дод дар ҷанг ҳар ҷой дод.

---

1. Л-бе.
2. М-Вагар зери.
3. ТПЗЛ- Чу бишнид ин Тус, дашном дод,
   Бад-ӯ гуфт, к –«Эй бадраги баднажод*.
   Або чанд гурдону андак сипоҳ
   Бикардем чандин зи туркон** табоҳ,
   Бигаштем то шаб ба *** овардгоҳ,
   Агар пой дорӣ, ҳаме разм хоҳ!
   * Л-девзод; ** Л-чанде зи турон. *** Л-дар
4. И-Бимонданд андар сафи.

www.sattor.com

Зи Шедӯш в-аз Бежану Густаҳам
Басе ёд карданд бар бешу кам.

Ки боре яке тан зи[*1] эронсипоҳ
Будӣ ёри мо андар[*2] ин размгоҳ[3].

На[*4] эдар ба пайкору ҷанг омадем,
Ки хира ба коми наҳанг омадем.

Дареғ он дару гоҳи шоҳи ҷаҳон,
Ки гиранд моро кунун ногаҳон.

Таҳамтан ба Зобулситон асту Зол,
Шавад шаҳри[*5] Эрон кунун толу мол».

Ҳаме омад овози кӯполу кӯс,
Ба лашкар ҳаме дер шуд Геву Тус.

Чунин гуфт Шедӯшу Густаҳми шер,
Ки «Шуд кори пайкори солор дер».

Ба Бежан Гуроза чунин гуфт боз,
Ки «Шуд кори солори лашкар дароз».

Ҳаме омад аз дашт овои[6] кӯс,
Ҳаво қиргун шуд, замин обнӯс.

Бирафтанд гурдон ба овои ӯй,
Зи хун буд ҳар ҷой бар[7] дашт ҷӯй.

---

1. М-Ки дар шаб касеро зи.
2. М – Надиданд бо худ дар.
3. И-б. 619-621 нест.
4. М-Ки
5. М-Кори.
6. ИЛ-овози.
7. Л-дар.

www.sattor.com

Расиданд андар қафои сарон,
Ҳама баркашиданд гурзи гарон[1].

Чу донист, к-омад варо ёр Тус,
Ҳаме бархурӯшид бар сони кӯс.

Сабук шуд инону гарон шуд рикеб,
Баландӣ кӣ донист*[2] боз аз нишеб.

Ҳаме Геву Рууҳҳом чун наррашер
Бибуданд з-овози Бежан далер[3].

Яке разм карданд то чоки рӯз,
Чу пайдо шуд аз кӯҳ гетифурӯз.

Сипаҳ бозхонданд гурдон зи ҷанг,
Кашиданд лашкар сӯи кӯҳу санг.

Ба гурдон чунин гуфт солор Тус,
Ки «Аз гардиши ҳур то захми кӯс

Зи гарданкашон чашми бад дур бод,
Ба фарҷом ин разми мо сур бод[4].

Далерӣ[5] чунин, к-аз[6] шумо дидаам,
Зи кундоварон ҳеч[7] нашнидаам.

---

1. ТПЗИЛ- Зи гурдони неву овои занг*,
   Ту гуфтӣ зи дарё барояд** наҳанг.
   Ҳама гурзвар буду шамшердор,
   Бидонист Ҳумон, ки омад*** савор****,
   *Л-Ҳама ҳамгуруҳ тохтандӣ ба ҷанг; **Л-баромад;***И-Зи гурдон набуд найзавар як;****И-танҳо б. дувум мавҷуд аст.
2. М-надонист.
3. ИЛ-б.633 нест.
4. ИЛ-б. 637 нест.
5. ИЛ-саворӣ.
6. И-Саворӣ чунон аст.
7. И-гарданкашон низ.

www.sattor.com

Зи Яздони покиза хоҳам нахуст[*1],
Ки чашми бадон дур дор аз дуруст[*2].

Паноҳам бад-ӯяст то ҷовидон,
Шуморо[*3] бурун оварад з-ин миён.

Умедам бад-ӯяст, ҳарчанд зуд
Паси мо биёянд лашкар чу дуд.

Кунун он замон он ҳаюни дамон
Ҳамоно, ки шуд назди шоҳи ҷаҳон.

Чу нома ба наздики Хусрав расад,
Ба дил-ш - андарун оташи нав расад[4],

Ба ёрӣ биёяд гави пилтан,
Зи шерон яке номвар анҷуман.

Ба пирӯзиву ком гардем боз,
Ба дидори Кайхусрав ояд ниёз.

Сухан ҳар чи рафт ошкору ниҳон,
Бигӯям ба пирӯз шоҳи ҷаҳон.

Ба хубиву хушнудии шаҳрёр
Биёбем яксар бар аз рӯзгор»[5].

---

1. М-ҳаме.
2. М- Набошад бад-ин лашкар андар камӣ.
3. М-ки шодон.
4. Л-пас аз б. 643 ин б. омада:

   Чу аз ҷанг гаштанд боз он замон,
   Абар кӯҳ рафтанд дил пурғамон.
   Яке нома бояд, ки зӣ шаҳ кунем,
   Бигӯем в-аз кораш огаҳ кунем.
   Ҳам он гоҳ нома навиштанду бурд
   Фиристодаи номбардори гурд.
   Басе зориву лобаҳо андар ӯй,
   Ки ё сарфароз, эй шаҳи номҷӯй.

5. Л-баъд аз б. 647 ин б. омада:

   Чунон чун ки гуфтанд, барсохтанд,
   Навиде ба наздики шаҳ тохтанд.

www.sattor.com

Пас он гаҳ[1] ба хайма*[2] фуруд омаданд,
Зи пайкори беком дам барзаданд.

Талоя бурун омад аз ҳарду рӯй
Ба дашти далерони пархошҷӯй.

Чу Ҳумон расид андар овардгоҳ,
Зи кушта надид эч бар дашт роҳ.

Ба Пирон чунин гуфт, к-«Имрӯз гард
На бар орзу гашт гоҳи набард.

Чу осуда гарданд гурдони мо,
Ситуда саворону мардони мо,

Яке разм созам, ки хуршеду моҳ
Надидаст ҳаргиз чунин размгоҳ».

Бигуфтанду рафтанд ҳар ду зи ҷой,
Ҳаме ҳар яке зад дигаргуна рой![3]

ОГОҲӢ ЁФТАНИ КАЙХУСРАВ АЗ КОРИ СИПОҲ

Аз[4] он пас биёмад ба Хусрав хабар,
Ки Пирон шуд аз разм пирӯзгар.

Сипаҳбад ба кӯҳи Ҳамован кашид,
Зи лашкар[5] басе гурд шуд нопадид.

Дари кохи Гударзи Кашводагон
Тиҳӣ шуд зи гурдону озодагон.

Бигуфтанду рафтанд бар сӯи кӯҳ,
Ба сӯи саворони Эронгурӯҳ.

1. И-Ду лашкар; Л-Чу лашкар.
2. М – Ду лашкар зи кина.
3. ИЛ-б. 654 нест.
4. ИЛ_В-аз.
5. И-кишвар.

www.sattor.com

Ситора бар эшон бинолад ҳаме,
Ба полез гулбун наболад ҳаме.

Аз эшон ҷаҳон пур зи хок асту хун,
Баланд ахтари Тус гашта нагун.

Чу бишнид Кайхусрави номвар,
Дилаш гашт якбора зеру забар[1].

Бифармуд, то Рустами пилтан
Хиромад[*2] ба даргоҳ бо анҷуман[3].

Бирафтанд аз Эрон ҳама бихрадон,
Ҷаҳондидаву номвар мӯбадон[4].

Сари номдорон забон баркушод,
Зи пайкори лашкар ҳаме кард ёд.

Ба Рустам чунин гуфт, к -«Эй сарфароз,
Битарсам, ки ин давлати дербоз

---

1. И-б. 660 нест.
2. М – Биёяд.
3. Л-б. 661 нест.
4. ТПЗ- Ба назди Таҳамтан бирафтанд боз,
Ба Зобулситон пеши он сарфароз.
Ҳама пеши он паҳлавони замин
Сарафканда карданд сад офарин.
Ба Рустам бигуфтанд, к-«Эй паҳлавон,
Ҷаҳонат ба кому дилат шодмон.
Фиристодаем аз бари шаҳрёр,
Кунад шоҳи Эрон туро хостор.
Кунун хезу пеши шаҳаншаҳ хиром,
Далеро, яло, пури Дастони Сом».
Чунин гуфт Рустам, гави некбахт,
Ки «Ҷонам фидои шаҳу тоҷу тахт».
Бигуфт ину бар Рахши рахшон нишаст,
Бари Хусрав омад яли чирадаст.
Замин бӯс карду сано густарид,
Бад-он сон, ки ӯро сазовор дид.

www.sattor.com

Ҳаме сар гирояд*[1] ба сӯи нишеб,
Дилам шуд зи кирдори он пурниҳеб.

Туӣ парваронандаи тоҷу тахт,
Фурӯғ аз ту гирад ҷаҳондор бахт.

Дили чарх дар нӯки шамшери туст,
Сипеҳру замину замон зери туст.

Бикандӣ дилу мағзи Деви Сапед,
Замона ба меҳри ту дорад умед.

Замин гарди Рахши туро чокар аст,
Замон бар ту чун меҳрубон модар аст.

Зи теғи ту хуршед бирён шавад,
Зи гурзи ту ноҳид гирён шавад.

Зи парру зи пайкони килки ту шер
Ба рӯзи бало гардад аз ҷанг сер.

Ту то барниҳодӣ ба мардӣ кулоҳ,
Бар Эрон накард эч душман нигоҳ.

Кунун Тусу Гударзу Геву сарон,
Фаровон аз ин марз кундоварон

Ҳама дил пур аз хуну дида пуроб,
Гурезон зи гурдони[2] Афросиёб.

Фаровон зи гударзиён кушта мард,
Шуда хок бистар ба рӯзи набард.

1. М – ҳаме баргирояд.
2. Л- туркони.

www.sattor.com

Ҳар он кас, к-аз эшон ба ҷон[1] растаанд,
Ба кӯҳи Ҳамован ҷигархастаанд[2].

Ҳама сар ниҳода сӯи осмон,
Сӯи кирдгори макону[3] замон,

Ки эдар биёяд магар пилтан,
Ба нерӯи яздону фармони ман.

Шаби тира, к-ин нома бархондаам,
Басе хуни дил бар рух[4] афшондаам.

Нагуфтам се рӯз ин суханро ба кас,
Магар пеши Яздони фарёдрас[5].

Кунун чун зи андоза[6] - андар[7] гузашт,
Дилам з-ин сухан пур зи тимор гашт.

Умеди сипоҳу сипаҳбад ба туст,
Ки равшанравон бодиву тандуруст!

Сарат сабз бодо[8], дилат шодмон,
Тани пок дур аз бади бадгумон!

Зи ман ҳар чӣ хоҳӣ, фузунӣ бихоҳ
Зи аспу силеҳу зи ганҷу сипоҳ.

---

1. И-кунун.
2. И-ҳама хастаанд; Л-ба ҷон хастаанд.
3. Л-Замину.
4. ИМ- аз ҷигар хун.
5. И-б. 679, 680 нест.
6. ИМ-кор з-андоза.
7. Л-берун.
8. Л-боду.

www.sattor.com

Бирав бо дили шоду рои дуруст,
Нашояд гирифтан чунин кор суст»[1].

Ба посух чунин гуфт Рустам ба шоҳ,
Ки «Бе ту мабодо нигину кулоҳ,

Ки бо фарру бурзиву бо рою дод,
Надорад чу ту шоҳ гардун ба ёд.

Шунидаст Хусрав, ки то Кайқубод
Кулоҳи каёнӣ[2] ба сар барниҳод,

Ба Эрон ба кин ман камар бастаам,
Ба ором як рӯз наншастаам.

Биёбону торикиву пилу шер,
Чӣ ҷоду, чӣ нараждаҳои далер,

Бузургони Турону Мозандарон,
Шаби тираву гурзҳои гарон,

Ҳамон ташнагиҳову роҳи дароз,
Гузидан дари ранҷ бар ҷои ноз.

Чунин ранҷу сахтӣ басе дидаам,
Ки рӯзе зи шодӣ напурсидаам.

---

1. ТПЗ - Бар эрониён чун ки шуд кор зор,
Туро кард бояд кунун корзор.
Набуд инчунин кор касро гумон,
Ки Турон шавад тиру Эрон камон.
Ба ҷуз ту кӣ донад кушод ин гиреҳ,
Ҷуз аз ту ба кас – бар назебад зиреҳ.
Надорӣ ту ҳамто ба рӯзи набард,
Сари саркашон андарорӣ ба гард.
Ба разме, ки номи ту гӯянд бас,
Ба гардун нагӯянд фарёд рас.
2. ИЛ-бузургӣ.

www.sattor.com

Ту шоҳи ҷаҳон ҳастиву ман раҳӣ,
Миён[*1] бастаам, то чӣ фармон диҳӣ.

Аз он куштагон шоҳ бедард бод,
Рухи бадсиголони ту зард бод!

Шавам, то сипаҳбад камар бар миён
Бубандам бар ин кини эрониён.

Зи гударзиён ман[2] ҷигархастаам,
Камар бар миён сӯгро бастаам».

Чу бишнид Кайхусрав овози ӯй,
Ба рух барниҳод аз ду дида ду ҷӯй.

Бад-ӯ гуфт: «Бе ту нахоҳам замон,
На аврангу на тоҷу тахти каён[3].

Фалак зери хамми каманди ту бод,
Сари тоҷдорон ба банди ту бод![4]»

Зи динору ганҷу зи тоҷу гуҳар,
Кулоҳу камону каманду камар

Биёвард ганҷури Хусрав калид,
Сари бадраҳои дирам бардарид.

Ҳама шоҳи Эрон ба Рустам супурд,
Чунин гуфт, к - «Эй номбардор гурд,

Ту бо гурздорони Зобулситон,
Далерону гурдони Кобулситон -

1. М- Камар.
2. ИЛМ-худ.
3. И-На авранги шоҳӣ, на гурзи гарон; Л-тоҷу на гурзи гарон.
4. ТПЗИЛ- Ҷаҳон ганҷу ганҷур шамшери туст,
Сари сарварони ҷаҳон зери туст.

www.sattor.com

Ҳаме рав ба кирдори боди дамон,
Маҷӯю мафармой ҷустан замон.[1]

Зи гурдони шамшерзан сӣ[*2] ҳазор
Зи лашкар гузин аз дари корзор.

Фарибурзи Ковусро деҳ сипоҳ,
Ки ӯ пешрав бошаду кинахоҳ».

Таҳамтан заминро бибӯсиду гуфт,
Ки «Бо ман рикебу инон аст ҷуфт.

Саронро сар андар шитоб оварем,[3]
Мабодо, ки орому хоб оварем».[4]

Сипаҳро дирам додан оғоз кард,
Ба дашт омаду размро соз кард.

Фарибурзро гуфт: «Баркаш пагоҳ,
Сипоҳ[5] андаровар ба пеши сипоҳ.

Набояд, ки рӯзу шабон биғнавӣ,
Магар назди Туси сипаҳбад шавӣ.

Бигӯяш, ки дар ҷанг тундӣ макун,
Фиребу замон ҷӯю кундӣ макун.

Ман инак ба кирдори боди дамон
Биёям, наҷӯям ба раҳ-бар замон.

1. ТПЗ - Ба ҷой ор рою хирадро ба ҳам,
Нигар, то наҷӯӣ ба раҳ-бар ситам.
2. М- сад.
3. И-оварам.
4. И-оварам.
5. Л-Савор.

www.sattor.com

Чу Гургину Милоди ҷангозмой[1]
Сипаҳро занад бар баду нек рой».

БА ЗАНӢ ХОСТАНИ ФАРИБУРЗ ФАРАНГИС – МОДАРИ КАЙХУСРАВРО

Фарибурз гуфт: «Эй яли тоҷбахш,
Худованди кӯполу хафтону Рахш.

Яке орзу дорам андар ниҳон,
Наёрам ба кас гуфтан андар ҷаҳон,

Магар бо ту, эй паҳлавони замин
Сазовори меҳру кулоҳу нигин,

Ки ҳастӣ ту пушту панохи сипоҳ,
Зи ту барфарозанд гурдон кулоҳ.

Бидон, эй сарафрози Эронзамин,
Ки бодо зи Яздон туро офарин.

Сиёвахши радро бародар манам,
Зи як тухму бунёду як гавҳарам.[2]

Зане к-аз Сиёвуш бимондаст боз,
Маро зебад, эй гурди гарданфароз.

Сазад гар бигӯӣ ту инро ба шоҳ,
Бар ин барниҳӣ бар сари ман кулоҳ».

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Фармон туросте,
Барорам ман инро чунон, к-ат ҳавост».

Яли пилтан шуд бари шаҳрёр,
Бад-ӯ гуфт, к-«Эй хусрави номдор.

1. Ил-корозмой.
2. Л-гавҳар манам.

www.sattor.com

Яке ҳоҷате дорам акнун зи[1] шоҳ,
К-аз он барфарозам[2] сар аз чарх (у) моҳ.

Бихоҳам чу фармон диҳад шаҳрёр,
Ки он аст некӯ бари кирдгор.[3]

Расида ба ҳар кас зи ту доду меҳр,
Чу гардун ба ҳар кас кушода ду чеҳр.

Фарибурзи Ковуси озодагон
Чун ӯ кас набошад зи шаҳзодагон.

Ҳамон бо ҳунармандиву рои ӯй
Набинам касе низ ҳамтои ӯй.

Яке орзу дорад аз шаҳрёр,
Ки ҷои Сиёвуш[4] кунад хостор.

Куҷо чун ба кини бародар миён
Бубандад, шавад назди эрониён.

Нигаҳбони коху дари ганҷи ӯй
Касе,[5] к-ӯ шиносад ҳаме ранҷи ӯй.

Набошад ба ҷуз духти Афросиёб,
Чунон чун бувад моҳ бо офтоб».[6]

---

1. Л-ба.
2. Л-ин бартар орӣ.
3. Л-Ки он ҳаст некӯтару номдор:
ТПЗЛМ- Бад-ӯ гуфт Хусрав, ки «Эй паҳлавон,
Ҳамеша ту бодию равшанравон,
Чи хоҳӣ зи ман, ҳар чӣ хоҳӣ, бихоҳ
Зи тахту зи мӯҳру зи тоҷу кулоҳ.
Чунин гуфт Рустам, ки аз фарри шоҳ
Ҷаҳон баҳраманд асту ҳам некхоҳ.
4. Л-бародар.
5. Басе.
6. ТПЗ- Аз ин дод мар шоҳро огаҳӣ,
Куҷо андар ин аст умеди беҳӣ.

*Танҳо б. охир мавҷуд аст.

www.sattor.com

Чу бишнид Хусрав чунон гуфтугӯй
Аз он пурхирад меҳтари номҷӯй,

Бар он кор дастур шуд шаҳрёр,
Ба Рустам чунин гуфт, к - «Эй номдор!

Ҳар он кас, ки аз рои ту бугзарад,
Замона варо зери пай биспарад.

Наёяд зи гуфтори ту ҷуз беҳӣ,
Ки бодӣ ҳамасола бо фарраҳӣ!

Ту донӣ, ки моро бар ӯ рой нест,
Мар ин гуфтаро пеши ӯ ҷой нест.

Бигӯям ба модар, агар[*1] бишнавад,
Ҳамон пандҳо, к-аз хирад дархурад».[*2]

Бирафтанд ҳар ду ба наздики моҳ,
Таҳамтан або хусрави некхоҳ.

Ба модар чунин гуфт пас шаҳрёр,
Ки «Эй, дар ҷаҳон аз падар ёдгор!

Ба ҳар неку бадҳо паноҳам туӣ,
Манам чун кунорангу шоҳам туӣ.

Зи ту нест пӯшида кори сипоҳ,
Ҳамон кӯшиши разми овардгоҳ,

Ки чандон бузургони Эронзамин
Ба Турон бидоданд сарҳо ба кин.[3]

1. М-варо гар зи ман.
2. М-бигравад.
3. ТПЗЛ - Ба Эрон зи шеван ба ҳар хонае.
Набинӣ ҳамоно ту фарзонае.

www.sattor.com

Фиристода хоҳам сипоҳе кунун,
Бувад Рустами Золашон раҳнамун.

Фарибурз бошад сипаҳкаш ба роҳ,
Чу Рустам бувад паҳлави кинахоҳ.

Чунин рой бинад ҳаме пури Зол,
Ки бошӣ Фарибурзи ялро ҳамол.

Чӣ бинӣ бар ин-дар, чӣ фармон диҳӣ?
Ки ҷуфти ту бодо беҳиву меҳӣ».

Зи Хусрав чу бишнид модар сухан,
Ба ёд омадаш рӯзгори куҳан.

Ниҳонӣ ҳаме буд бо тобу хашм,
Пас он гаҳ чунин[*1] гуфт бо оби чашм,

Ки «Бо Рустамам рӯи озор нест,
В-агар на маро гоҳи ин кор нест.

Чу хоҳанда Рустам бувад бегумон,
Напечад зи рояш магар осмон».

В-аз он пас гави пилтан паҳлавон
Чунин гуфт, к - «Эй бонуи бонувон![2]

Зи покӣ ба гавҳар ситуда танат,
Ки гум[3] бод андар ҷаҳон душманат!

---

1. М- ҳаме.
2. ТПЗ- Сари бонувониву зебои тоҷ,
Сазовори аврангиву тахти оҷ.
Фаровон ситудаш гави пилтан,
Бад-ӯ гуфт, к-эй нозиши анҷуман.
3. Л-кам.

www.sattor.com

Агар бишнавӣ панду андарзи ман,
Ту донӣ, ки нашкебад аз шӯй зан.

Ҷавон кай шикебад зи ҷуфти ҷавон,
Бавижа, ки бошад зи тухми каён?

Ки мард аз барои занонанду зан
Фузунтар зи мардаш бувад хостан.

Фарибурзи Ковуси пирӯзбахт,
Ки дархурди тоҷ асту зебои[1] тахт,

Ба гавҳар Сиёвахшро ҳамсар аст,
Бародар-ш з-он тухму з-он гавҳар аст.[2]

Аз Эрон ду баҳра ба фармони ӯст,
Чӣ ободу вайрон, ҳама з-они ӯст.

Ба дастурию рою фармони шоҳ
Писандидаам шоҳро ҷуфт моҳ.

Чӣ гӯӣ писандида ояд туро?
Ба ҷуфтӣ Фарибурз шояд туро?

Ҳамон беҳ, ки гуфтори ман бишнавӣ,
Ба гуфти ману рои шаҳ бигравӣ».

Шаҳи бонувон то замони дароз
Ғамӣ буду посух намедод боз.

Ҳаме зад ба лаб ҳар замон сард бод,
Зи шарми писар ҳеч посух надод.

1. Л-мардон.
2. б. 759-760 нест.

www.sattor.com

В-аз он пас чунин гуфт бо пилтан,
Ки «Эй пурҳунар[*1] меҳтари анҷуман!

Ба Эрон агар чи чун ӯ мард нест,
Ба ҷои Сиёвахш[2] дарх(в)ард нест.[3]

Валекин зи гуфторат, эй паҳлавон,
Гиреҳ баст гӯӣ маро бар забон.

Чӣ фармояд акнун шаҳи номвар,
Ба фармони ӯ баст бояд камар».

Бар он ром шуд модари шаҳрёр,
Барафрӯхт рух чун гул андар баҳор.

Миён баст Рустам дар он кор танг,
Бар ин барнаёмад фаровон диранг.

Бихонданд мӯбад бар он кор пеш,
Набиштанд хатте ба оину кеш.[4]

Наёсуд[5] аз он паҳлавони сипоҳ,
Ки то кард мар моҳро ҷуфти шоҳ.

В-аз он пас Фарибурз домод гашт,
Зи Кайхусраву Рустам озод гашт.

---

1. М-Сарафрозиву.
2. Л-Сиёвуш.
3. ТПЛМ- Дареғо, Сиёвахши* радро чунон
   Ба Турон бикуштанд мардумкушон.
   Чи гӯям, ки хоҳандаам пури Зол
   Зи баҳри Фарибурз хоҳад ҳамол.
   * Л-Сиёвуши.
4. ЛМ-оини хеш:
   ТПЗЛ- Фарангисро бо Фарибурз ёр
   Бикарданду бастанд аҳд устувор.
5. Л-Баросуд.

www.sattor.com

Ҳамон мояву[*1] ҷоҳ бифрохташ,
Яке хилъату тоҷи нав сохташ.

Се рӯз андар он кор шуд рӯзгор,
Ба рӯзи чаҳорум баророст кор.

Чу ин карда шуд, Рустами паҳлавон
Сӯи дашт шуд бо диловар гавон.

Фарибурз шуд пеш бо лашкаре,
Фурӯзон чу бар осмон ахтаре.[2]

Чу хуршеди тобанда бинмуд чеҳр
Ба сони буте бо диле пур зи меҳр.

Баромад хурӯшидани каррной,
Таҳамтан баровард[*3] лашкар зи ҷой.

Пурандеша ҷони ҷаҳондор шоҳ,
Ду фарсанг меронд бо ӯ ба роҳ.

Ду манзил ҳаме кард Рустам яке,
Наёсуд рӯзу шабон андаке.

ДИДАНИ ТУС СИЁВУШРО БА ХОБ

Шабе доғдил пур зи тимор Тус
Ба хоб андаромад гаҳи захми кӯс.

Чунон дид равшанравонаш ба хоб,
Ки рахшанда шамъе баромад зи об.

Бари шамъи рахшон яке тахти оҷ -
Сиёвуш бар он тахт бо фарру тоҷ.

1. М-появу.
2. И-б. 716-779 нест.
3. М-биёвард.

www.sattor.com

Лабон[1] пур зи ханда, забон чарбгӯй
Сӯи Тус кардӣ чу хуршед рӯй,

Ки эрониёнро ҳам эдар бидор,
Ки пирӯз гардӣ ту дар корзор.

Зи гударзиён ҳеч ғамгин машав,
Ки эдар яке гулситон аст нав.

Ба зери гул андар ҳаме май хӯрем,
Надонем, к-ин бода то кай хӯрем.

Зи хоб андаромад шуда шоддил,
Зи дарду ғамон гашта озоддил.

Ба Гударз гуфт: «Эй ҷаҳонпаҳлавон,
Яке хоб дидам ба равшанравон.

Нигаҳ кун, ки Рустам чу боди дамон
Биёяд бари мо замон то замон».

Бифармуд, то дардамиданд[*2] ной,
Биҷунбид дар кӯҳ лашкар зи ҷой.

Бубастанд гурдони Эрон миён,
Барафрохтанд ахтари ковиён.

Биёвард аз он рӯй Пирон сипоҳ,
Шуд аз гард хуршеди тобон сиёҳ,

Аз овози гурдону борони тир
Ҳаме чашми хуршед шуд хира-хир.

Ду лашкар ба рӯй андаровард рӯй,
Зи гурдон нашуд пеш як ҷангҷӯй.

1. Л-Лабе.
2. М- баркашиданд.

www.sattor.com

Чунин гуфт Ҳумон ба Пирон, ки «Ҷанг
Ҳаме ҷуст бояд, чӣ ҷӯӣ[1] диранг?

На лашкар ба дашти шикор-андар аст,[*2]
Тану аспи мо[3] зери бор-андар аст»[*4].

Бад-ӯ гуфт Пирон, ки «Тезӣ макун,
На рӯзи шитоб асту гоҳи сухун.

Се тан дӯш бо хормоя сипоҳ
Бирафтанд бегоҳ аз ин размгоҳ.

Чу шерони ноҳору мо чун рама,
Ки аз кӯҳсор андарорад дама.

Ҳама дашт чун ҷӯи[*5] хун ёфтам,
Сари номдорон нагун ёфтам.

Яке кӯҳ доранд хорову хушк,
Ҳаме хор бӯянд аспон чу мушк.

Бимон, то бар он санг бирён шаванд,
Чу бечора гарданд, беҷон шаванд.

Кушода набояд, ки доред роҳ
Дурӯя пасу пушти он размгоҳ.

Чу беҷангатон душман ояд ба чанг,
Ба зудӣ чӣ бояд-т кардан диранг.[*6]

---

1. И-созӣ.
2. М-омадаст.
3. Л-Тани мо ҳаме.
4. М – омадаст.
5. М-пурҷӯӣ.
6. М- Чу беранҷ душман ба ҷанг оядат,
Беҳ, ар як-ду рӯзе диранг оядат.

www.sattor.com

Чаро ҷуст бояд ҳаме корзор,
Талоя бар ин дашт бас даҳ[*1] савор.

Бибошем, то душман аз обу нон
Шавад тангу[2] зинҳор хоҳад ба ҷон.

Магар хор ё санги хоро хуранд,
Чу рӯзӣ сар ояд, хуранду муранд».

Сӯи хайма рафтанд аз он размгоҳ,
Талоя биёмад ба пеши сипоҳ.

Кушоданд гурдон саросар камар,
Ба хобу ба хӯрдан ниҳоданд сар.

Ба лашкаргаҳ омад сипаҳдор Тус,
Пур аз хун дилу рух шуда обнӯс.[*3]

Ба Гударз гуфт: «Ин сухан тира гашт,
Сари бахти эрониён хира гашт.

Ҳама гирд бар гирди мо лашкар аст,
Хури боркашмон[*4] ҳама ховар аст.

Сипаҳро хуриш бас фаровон намонд,
Ҷуз аз гурзу шамшер дармон намонд.

Ба шабгир шамшерҳо баркашед,[5]
Ҳама домани кӯҳ лашкар кашед.[6]

Агар ахтари нек ёрӣ диҳад,
Бар эшон маро комгорӣ диҳад.

---

1. М- сад.
2. Л-сусту.
3. М-рӯй чун сандарус.
4. М-боргирон.
5. ИЛМ-баркашем.
6. ИЛМ-кашем.

www.sattor.com

В-ар эдун куҷо довари осмон
Ба шамшер бар мо сар орад замон

Зи бахши ҷаҳонофарин бешу кам
Набошад, мапаймой бар хира дам.

Ҳамон[1] марг хуштар ба номи баланд,
Аз ин зистан бо ҳаросу газанд».

Бар ин барниҳоданд яксар сухун,
Ки солори некахтар афканд бун.

ФИРИСТОДАНИ АФРОСИЁБ ХОҚОН ВА КОМУСРО БА ЁРИИ ПИРОН

Чу хуршед барзад зи харчанг чанг,
Бидаррид пероҳани мушкранг.

Ба Пирон фиристода омад зи шоҳ,
Ки омад зи ҳар ҷо фаровон[2] сипоҳ.

Сипоҳе, ки дарёи Чинро зи гард
Кунад чун биёбон ба рӯзи набард.[3]

Яке меҳтар аз Моваруннаҳр-дар,
Ки бугзорад аз чархи гарданда сар.

Танаш зӯр дорад ба сад наррашер,
Сари жандапил андарорад ба зер.

---

1. Л-Маро.
2. ЛМ- ҳар ҷой бемор.
3. Л-пас аз б. 826 ин б. омада:

Нахустин сипаҳдори хоқони Чин,
Ки тоҷаш сипеҳр асту тахташ замин.
Яке меҳтар омад аз он сӯи об,
Ки бар вай сано кард Афросиёб.

www.sattor.com

Ба боло чу сарву ба дидор моҳ,
Ҷаҳонгиру нозон бад-ӯ тоҷу[1] гоҳ.

Сари сарфарозону Комус ном
Барорад зи Гударзу аз Тус ком.

Зи марзи Сапеҷоб то марзи Рум
Сипоҳе, ки буд андар obod бум.

Нахуст андароям[2] зи хоқони Чин,
Ки тоҷаш сипеҳр асту тахташ[3] замин.

Чу Маншури ҷангӣ, ки бо теғи ӯй
Ба хок - андар ояд сари ҷангҷӯй.

Кашонӣ чу Комуси шамшерзан,
Ки чашмаш надидаст ҳаргиз шикан.

Ҳама корҳои шигарф оварад,
Чу хашм оварад, боду барф оварад».[4]

Чунин гуфт Пирон ба туронсипоҳ,
Ки «Эй сарфарозону гурдони шоҳ![5]

Бад-ин муждаи шоҳ пиру ҷавон
Ҳама шод бошеду равшанравон.

Бибояд кунун дил зи тимор шуст,
Ба Эрон намонам бару бум руст.

---

1. Л-тахту.
2. Л-андарояд.
3. Л-Ки тахташ ҳаме барнатобад.
*1 М-б.
4. ТПЗИЛМ- Чу хушнуд бошад, баҳор орадат*,
Гулу сунбулу ҷӯйбор орадат**,
*Л-оварад; ** Л-сунбул аз ҷӯйбор оварад.
5. - Зи лашкар бувад пешрав паҳлавон,
Ҳамеша бувад шоду равшанравон.

www.sattor.com

Шаҳ[*1] аз дарду аз ранҷи кин хостан
Баросуду аз лашкар оростан.

Ба Эрону Турону бар хушку об
Набинед ҷуз коми Афросиёб».

Зи лашкар бари паҳлавон пешрав
Ба мужда биёмад ҳаме нав ба нав.

Бигуфтанд, к - «Эй номвар, паҳлавон,
Ҳамеша бизӣ шоду равшанравон.

Ба дидори шоҳон дилат шод бод,
Равонат зи андеша озод бод!

Зи Кашмир то пеши дарёи Шаҳд
Дурафшу сипоҳ асту пилону маҳд.

Зи Суқлоб чун Кундури шермард,
Чу Беварди Котӣ сипеҳри набард,

Чу Ғарча зи Сагсору Шангул зи Ҳинд
Ҳаво пурдурафшу замин пурпаринд.

Чағонӣ чу Фартуси лашкарфурӯз,
Каҳори Каҳонӣ гави гурдсӯз,

Шамирони Шукнӣ сарафрози даҳр -
Пароканда бар найзаву теғ заҳр.

Ту акнун сар афрозу ромиш пазир,
К-аз ин мужда барно шавад марди пир».

1. М-сар

www.sattor.com

Дилу ҷони Пирон пур аз ханда шуд,[*1]
Ту гуфтӣ, ки ӯ мурда буд, зинда шуд.[*2]

Ба Ҳумон чунин гуфт Пирон, ки «Ман
Пазира шавам пеши он анҷуман,

Ки эшон зи роҳи дароз омаданд,
Пурандешаву размсоз омаданд.

Надоранд сар кам зи Афросиёб,
Ки бо ганҷу тахтанду[*3] бо ҷоҳу об.[4]

Шавам, то[*5] бубинам, ки чанду чиянд,
Сипаҳбад кадоманду гурдон киянд.

Кунам офарин пеши хоқони Чин,
Ҳамон[6] пеши тахташ бибӯсам замин.

Бубинам сарафроз Комусро,
Баробар кунам Шангулу Тусро.[*7]

Чу боз оям эдар, бубандам миён,
Барорам даму дуд аз эрониён.

Агар худ надоранд поёби ҷанг,
Бар эшон кунам рӯз торику танг.

Касеро, ки ҳастанд аз эронсипоҳ
Кунам пову гардан ба банди гарон.

---

1. -гашт.
2. М-гашт.
3. М-бахту ганҷомду
4. ТПЗИЛ- Аз он омадан бениёзанд сахт,
   Худованди тоҷанду зебои тахт.
5. М - ман.
6. Л-Дигар.
7. М-Каҳори Каҳониву Фартусро.

www.sattor.com

Фиристам ба наздики Афросиёб,
На ором ҷӯям бар ин бар, на хоб.

Зи лашкар ҳар он кас, ки ояд ба даст,
Сароншон бибуррам ба шамшер паст.

Бисӯзам, диҳам[1] хоки эшон ба бод,
Нагирам аз он буму бар ҳеч[2]*[3] ёд.

Ба се баҳра ронам аз он пас сипоҳ,
Кунам рӯз бар шоҳи Эрон сиёҳ.

Яке баҳра з-эшон фиристам ба Балх,
Бар эрониён-бар кунам рӯз талх.

Дигар баҳра бар сӯи Кобулситон,*[4]
Ба Кобул кашам хоки Зобулситон.*[5]

Севум баҳра бар сӯи Эрон барам,
Зи туркон бузургону шерон барам.

Зану кӯдаки хурду пиру ҷавон
Намонам, ки монад тане бо равон.

Бару буми Эрон намонам ба ҷой,
Ки на даст бодо аз эшон, на пой!

Кунун то кунам корҳоро басеч,
Шумо разми Эрон маҷӯед ҳеч».[6]

1. Л-ҳама.
2. Л-Диҳам, барнагирам аз он бум.
3. М-низ.
4. М-Зобулситон.
5. М-Якояк кашам хоки Кобулситон.
6. И-б. 839 нест.

www.sattor.com

Бигуфт ину дил пур зи кина бирафт,
Ҳаме бар танаш пӯст[1] гуфтӣ бикафт.

Ба лашкар чунин гуфт Ҳумони гурд,
Ки «Андеша аз дил[*2] бибояд[3] ситурд.

Ду[4] рӯз ин ҳама[*5] ранҷ бар тан ниҳем,
Ки дида ба кӯҳи Ҳамован ниҳем.

Набояд, ки эшон шабе бедиранг
Гурезон биронанд аз ин кӯҳу санг.

Кунун кӯҳу дашту дару рӯду роҳ
Саросар[6] шавад пурдурафши сипоҳ».

ОМАДАНИ ХОҚОНИ ЧИН БА ҲАМОВАН

Чу Пирон ба наздики эшон расид,
Дару дашт пур[*7] сумми аспон бидид.[*8]

Ҷаҳон пурсаропардаву хайма буд,
Зада[*9] сурху зарду бунафшу кабуд.

Зи дебои чиниву аз парниён
Дурафше ба ҳар парда андар миён.

Фурӯ монду аз[10] кораш омад шигифт,
Басе бо дил андеша андаргирифт,

1. ИЛ-пӯст бар тан-ш.
2. М-дилҳо зи кина.
3. Л-дилҳо зи кина набояд.
4. Л-Се.
5. М-яке.
6. Л-Ҷаҳоне.
7. М-ҷуз.
8. М-надид.
9. М-рада.
10. Л-з-он.

www.sattor.com

Ки оё биҳишт аст ё базмгоҳ?
Сипеҳри барин аст ё чарху моҳ?

Биёмад ба наздики хоқони Чин
Пиёда, бибӯсид рӯи замин.

Чу хоқон бидидаш ба бар даргирифт,
Бимонд аз бару ёли Пирон шигифт.

Бипурсид бисёру бинвохташ,
Бари хеш бар тахт[1] биншохташ.

Бад-ӯ гуфт: «Бах, бах, ки бо[*2] паҳлавон
Нишастам чунин[*3] шоду равшанравон.

Бипурсид аз он пас, к-«Аз эронсипоҳ
Кӣ дорад нигину кӣ дорад кулоҳ?

Кадом аст ҷангиву гурдон киянд,
Нишаста бар ин кӯҳсар бар[*4] чиянд?».

Чунин дод посух, ки «Эй шаҳрёр,[5]
Анӯша бизӣ, то бувад рӯзгор.[6]

Дуруди ҷаҳонофарин бар ту бод,
Ки кардӣ ба пурсиш дили банда[*7] шод.

Ба бахти ту шодонаму тандуруст,
Равонам ҳаме хоки пои ту ҷуст.

---

1. ИЛ-наздик.
2. М-аё.
3. М-Ки он дам туро
4. М-он кӯҳ зи баҳри.
5. Л-бад-ӯ паҳлавон; И-ки эй паҳлавон.
6. ИЛ-ки бедордил бошу равшанравон.
7. М-пир.

www.sattor.com

К-аз эрониён он чи пурсид шоҳ,
На мӯҳру кулоҳ асту на тахтгоҳ.

Беандоза пайкор ҷустанду ҷанг,
Надид андар он кор[*1] ҷуз хорасанг.[2]

Чу беному бекому бетан шуданд,
Гурезон ба кӯҳи Ҳамован шуданд.

Сипаҳдор Тус аст марди далер,
Ба ҳомун натарсад зи пайкори шер.

Бузургон чу Гударзи Кашводагон,
Чу Геву чу Руҳҳоми озодагон -

Ба бахти сарафроз хоқони Чин
Сипаҳро набинад сипаҳбад ҷуз ин.

Ба ҳомун наёянд ҳангоми саф,
Надоранд ҷуз санги хоро ба каф».

Бад-ӯ гуфт хоқон, ки «Наздики ман
Бибошу биёвар яке анҷуман.

Як имрӯз бо коми дил май хӯрем,
Паи[*3] рӯзи ноомада нашмурем».

Биёрост хайма чу боғи баҳор,
Биҳишт аст гуфтӣ[4] ба рангу нигор.

1. М-Надиданд анҷом.
2. Л-Надиданд аз он кор ҷуз чора санг.
3. М-Ғами.
4. И-гӯӣ.

www.sattor.com

РОЙ ЗАДАНИ ЭРОНИЁН ДАР КОРИ ХУД

Чу бар гунбади чарх шуд[1] офтоб,
Дили Тусу Гударз шуд пуршитоб,

Ки имрӯз туркон чаро хомушанд?
Ба рои дарун[*2] ё зи май беҳушанд?

Агар мустаманданд, агар шодмон,
Шудам дар гумон аз бади[*3] бадгумон.

Агаршон ба пайкор ёр омадаст,
Чунон дон, ки бад рӯзгор омадаст.

Ту эронсипаҳро ҳама кушта гир,
В-агар зинда, аз разм[4] баргашта гир.

Магар Рустам ояд бад-ин размгоҳ,
Ва гар на бад ояд ба мо з-ин сипоҳ.

Сутудон наёбем яксар, на гӯр,
Бикӯбанд сармон ба наъли сутур.

Бад-ӯ гуфт Гев: «Эй сипаҳдори шоҳ,
Чӣ будат, ки андеша кардӣ табоҳ?

К-аз андешаи бад сухан дигар аст,
Туро кирдгори ҷаҳон ёвар аст.

Ҷаҳонофаринро парастандаем,
Басе тухми некӣ парокандаем.

Ва дигар ба бахти ҷаҳондор шоҳ-
Худованди шамшеру тахту кулоҳ

1. ИЛ-рафт.
2. М-рой андаранд.
3. М-Шуд андар гумон ин дилам.
4. ИЛМ-ҷанг.

www.sattor.com

Надорад ҷаҳонофарин даст боз,
Ки ояд ба бадхоҳ моро ниёз.

Чу Рустам биёяд бар ин размгоҳ,
Сар ояд бадиҳо ҳама бар сипоҳ.

Набошад зи Яздон касе ноумед,
Агар шаб шавад рӯи рӯзи сапед.

Ба як рӯз, к-аз мо наҷустанд ҷанг,
Макун дил зи андеша бар хира танг.

Набастанд бар мо дари осмон,
Машав бадгумон аз бади бадгумон.

В-агар бахшиши кирдгори баланд
Чунон аст, к-ояд ба мо-бар газанд,

Бипарҳез аз[1] андешаи нобакор,
Зи мо барнагардад[2] бади рӯзгор.[3]

Яке канда созем пеши сипоҳ,
Чунон чун бувад расму оину роҳ.

Ҳама теғҳо ҷангро баркашем,
Ба ҷанг андароему душман кушем.

Бубинем, то чист оғозашон,
Бараҳна шавад бегумон розашон.

Аз Эрон биёяд ҳаме[4] огаҳӣ,
Дурахшон шавад шохи сарви саҳӣ».

---

1. Л-Ба тадбиру.
2. Л-На баргардад аз мо.
3. ТПЗЛ - Ки кори худой на корест хурд,
   Қазои набишта нашояд ситурд.
4. Л-яке.

www.sattor.com

ОГОҲӢ ЁФТАНИ ГУДАРЗ АЗ ОМАДАНИ РУСТАМ

Сипаҳдор Гударз бар теғи кӯҳ
Баромад, бирафт аз миёни гурӯҳ.

Ба зорӣ хурӯш омад аз дидгоҳ,
Ки шуд кори гурдони Эрон табоҳ.

Чу хуршеди тобон зи гунбад бигашт,
Зи боло ҳаме сӯи Ховар гузашт.

Сӯи Бохтар гашт гетӣ зи гард,
Саросар ба сони шаби лоҷвард.

Шуд аз гард[1] хуршеди тобон бунафш
Зи бас пилу бар пушти пилон[2] дурафш.

Ғави дида бишнид Гударзу гуфт,
Ки «Ҷуз хоки тира надорам нуҳуфт.[3]

Рухаш гашт аз андӯҳ бар сони қир,
Чунон шуд, куҷо[4] хаста гардад ба тир.

Чунин гуфт, к-аз гардиши рӯзгор
Маро баҳра кин омаду корзор.

Зи гетӣ маро шӯрбахтист баҳр,
Пароканда бар ҷои тарёк захр.

Наберу писар доштам лашкаре,
Шуда номбардори ҳар кишваре.

Ба кини Сиёвуш ҳама кушта шуд,
Зи ман бахти бедор баргашта шуд.

---

1. ИЛ-хок.
2. И-пушти пилони ҷангӣ.
3. И-надорем ҷуфт.
4. И-чун ки ҷон.

www.sattor.com

Аз ин зиндагонӣ шудам ноумед,
Сияҳ шуд маро бахту рӯзи сапед.

Назодӣ маро кошкӣ модарам,
Нагаштӣ сипеҳри баланд аз барам».

Чунин гуфт бо дидабон паҳлавон,
Ки «Эй марди бинову равшанравон,

Нигаҳ кун ба Эрону туронсипоҳ,
Ки ояд касе сӯи ин размгоҳ?[1]

Дурафши сипаҳдори Эрон[2] куҷост,
Нигаҳ кун чапи лашкару[*3] дасти рост».

Бад-ӯ дидабон гуфт: «Аз ҳеч рӯй
Набинам ҳаме ҷунбишу ҷустуҷӯй.

Аз он сӯ ба тобу шитоб-андаранд,
В-аз ин сӯ ту гӯӣ ба хоб-андаранд».[4]

Аз ин гуфта[5] шуд паҳлавон пур зи дард,
Фурӯ рехт аз дидагон оби зард.

Бинолиду гуфт: «Аспро зин кунед,
Аз ин пас маро хишт болин кунед.

Шавам, пур кунам чашму оғӯшро,
Бигирам ба бар Геву Шедӯшро,

Ҳамон Бежани Геву Руҳҳомро,
Саворони ҷангии худкомро.

1. И-б. 935 нест; ЛМ-Ки ором доранд аз овардгоҳ.
2. И-Турон.
3. М-кард бояд.
4. ИЛ-б. 938 нест.
5. И-Зи фарзанд.

www.sattor.com

Ба падруд кардан рухи ҳар касе
Бибӯсам, зи мижгон биборам басе».

Ниҳоданд зин бар саманди чамон,
Хурӯш омад аз дида ҳам[1] дар замон,

Ки «Эй паҳлавони ҷаҳон, шод бош,
Зи дарду зи тимор[2] озод бош!

Ки аз роҳи Эрон яке тира гард
Баромад, к-аз ӯ рӯз шуд лоҷвард.

Фаровон дурафш аз миёни сипоҳ
Баромад ба кирдори тобанда моҳ

Ба пеш-андарун гургпайкар яке[3]
Яке моҳпайкар зи дур андаке.[4*5]

Дурафши дигар аждаҳо пайкараш,
Падид омаду шери заррин сараш».

Бад-ӯ гуфт Гударз: «Анӯша будӣ,
Зи дидори ту дур чашми[6] бадӣ.

Чу гуфторҳои ту ояд ба ҷой,
Бад- он сон[*7], ки гуфтӣ ба покиза рой,

Бубахшам-т чандон зи ҳар гуна ганҷ,
К-аз он пас ниёзат набошад ба ранҷ.

---

1. И-дидагоҳ.
2. И-тимору андӯҳ; Л-тимору дарду ғам.
3. ИМ-гургпайкар дурафш.
4. И-зарду бунафш.
5. М-дурафши бунафш.
6. Л-бодо.
7. М-Бар ин бар.

www.sattor.com

В-аз он пас чу рӯзе ба Эрон шавем,
Ба наздики шоҳи далерон шавем

Туро пеши тахташ барам ногаҳон,
Сарат барфарозам ба ҷоҳ аз[1] меҳон.[2]

Зи баҳри ман акнун аз ин дидагоҳ
Бирав сӯи солори эронсипоҳ.

Сухан ҳар чӣ дидӣ[*3] бад-эшон бигӯй,
Сабук бошу аз ҳар касе чора ҷӯй».

Бад-ӯ дидабон гуфт, к-«Аз дидагоҳ
Нашояд шудан пеши эронсипоҳ.[4]

Чу бинам, ки рӯи замин тор гашт,
Бад-ин дидагаҳ дида бекор гашт,

Ба кирдори симурғ аз ин дидагоҳ
Барам огаҳӣ сӯи[*5] эронсипоҳ».

Чунин гуфт бо дидабон паҳлавон,
Ки «Бедордил бошу[*6] равшанравон.

Дигарбора бингар зи кӯҳи баланд,
Ки эшон ба наздик то[*7] кай расанд?»

Чунин дод посух, ки «Фардо пагоҳ
Ба кӯҳи Ҳамован расанд он сипоҳ».[8]

---

1. Л-қадри.
2. И-б. 953,954 нест.
3. М-гуфтӣ.
4. И-б. 956, 957 нест.
5. М-Бибояд шудан пеши.
6. М-акнун нигаҳ кун ба.
7. М-наздики мо.
8. И-б. 961, 962 нест.

www.sattor.com

Чунон шод шуд з-он сухан паҳлавон,
Ки бечоншуда боз ёбад равон.

В-аз он рӯй Пирон ба кирдори гард
Ҳаме ронд лашкар ба дашти набард.

Саворе ба мужда[1] биёмад зи пеш,
Бигуфт, он куҷо рафта буд камму беш.

Чу бишнид Ҳумон бихандиду гуфт,
Ки «Шуд бегумон бахти бедор ҷуфт».

Хурӯше ба шодӣ зи туронсипоҳ
Ба бар андаромад аз он размгоҳ.

Бузургони Эрон пурандӯҳу[*2] дард,
Рухон зарду лабҳо шуда лоҷвард.

Ба андарз кардан ҳама ҳамгурӯҳ,
Пароканда гаштанд бар гирди кӯҳ.

Ба ҳар ҷой карда яке анҷуман,
Ҳама[*3] мӯя карданд бар хештан,

Ки зор ин далерони хусравнажод,
К-аз Эрон ба эшон нагиранд ёд.

Кунун гӯрҳо[*4] коми шерон бувад,
Замин пур зи хуни далерон бувад.

Сипаҳдор бо Бежани Гев гуфт,
Ки «Бархезу букшой роз аз нуҳуфт.

1. Л-набарда.
2. М-пур аз доғу
3. М-ҳаме.
4. М-кафанҳо кунун

www.sattor.com

Бирав то сари теғи кӯҳи баланд,
Бубин то киянду чиву чуну чанд?

Ҳаме бар кадомин раҳ ояд сипоҳ,
Кӣ дорад саропардаву тахтгоҳ?[1]

Бишуд Бежани Гев то теғи кӯҳ,
Баромад зи анбӯҳ дур аз гурӯҳ.

Ҳаме кард аз он кӯ ба ҳар сӯ нигоҳ
Дурафшу саворони пилу сипоҳ.

Биёмад ба сӯи сипаҳбад давон,
Пур аз дард дил, пур зи андӯҳ ҷон.[2]

Бад-ӯ гуфт: «Чандон сипоҳ асту пил,
Ки рӯи замин шуд ба кирдори[*3] нил.

Дурафшу синонро худ андоза нест,
Хур аз гард бар осмон тоза нест.

Агар бишмарӣ, нест андозу мар,
Ҳаме аз табира[4] шавад гӯш кар».

Сипаҳбад чу бишнид гуфтори ӯй,
Дилаш гашт пурдарду пуроб рӯй.

Сарони сипаҳро ҳама гирд кард,
Басе дарду[*5] тимори лашкар бих (в) ард.[6]

1. ИЛ-тахту гоҳ.
2. Л-Дил аз ғам пур аз дарду хаста равон; И-Дил аз ғам пур аз дарду тира равон.
3. М-гашт ҳамранги.
4. И-Аз овози аспон.
5. М-гурму.
6. Л-б. 983 нест.

www.sattor.com

Чунин гуфт, к-«Аз гардиши рӯзгор
Набинам ҳаме ҷуз ғами корзор.

Басе гаштам андар фарозу нишеб,
Наёмад ба рӯям аз ин сон ниҳеб,

Кунун чораи кор эдар якест,
Агарчи силеҳу[1] сипоҳ андакест.

Бисозему имшаб шабехун кунем,
Заминро зи хун рӯди Ҷайҳун кунем.

Агар кушта оем дар корзор,
Сипаҳбад бувад, чун бувад шаҳрёр.[2]

Нагӯянд беном гурде бимурд,
Магар зери хокам бибояд супурд».

Бад- ин ром шуд паҳлавон (у) сипоҳ,
Ҳар он кас, ки буд андар он размгоҳ.

Чу шуд рӯи гетӣ ба кирдори[3] қир,
На Ноҳид[4] пайдо, на Баҳрому Тир.

Сар аз бурҷи Моҳӣ баровард моҳ,
Бидаррид то ноф шаъри сиёҳ.

Биёмад дамон дидабон пеши Тус,
Давон гаштаву рӯй чун сандарус.

Чунин гуфт, к-«Эй паҳлавони сипоҳ,
Аз Эрон сипоҳ омад аз назди шоҳ».[5]

---

1. ИЛ-силоҳу.
2. Л-рӯзгор.
3. И-чу дарёи.
4. И-хуршед.
5. ТПЗ - Бидидам яке пайкари хубранг,
Миёншон яке аждаҳо тезчанг.

www.sattor.com

Сипаҳбад бихандид бо меҳтарон,
Ки «Эй номдорону кундоварон,[1]*[2]

Чу ёр омад акнун, наҷӯем ҷанг,
Гаҳе бо шитобему гаҳ бо диранг.

Ба нерӯи Яздон гави пилтан
Ба ёрӣ биёяд бад-ин анҷуман.

Зи туркон бараояд ҳама коми мо,
Бароямд ба хуршед-бар номи мо».

Зи кори шабехун накарданд ёд,
Сипоҳу сипаҳбад ҳама гашт шод.[3]

Аз он дидабон гашт равшанравон,
Ҳама мужда доданд пиру ҷавон.

Талоя фиристод бар дашти ҷанг,
Хурӯш омад аз кӯҳу овои занг.

Ҳама шаб ба ёди ҷаҳонпаҳлавон
Ҳама шод гаштанду равшанравон.[4]

РАФТАНИ ХОҚОНИ ЧИН БА ДИДАНИ ЛАШКАРИ ЭРОН

Чу хуршед бар чарх лашкар кашид,
Шаби тор[5] тозанда шуд нопадид.

1. ТПЗ - Чу бар бандагон кор гардад дароз,
Худованди гетӣ кушояд-ш боз.
2. М-фаррух сарон.
3. И-б. 998,999 нест; Л-б. 999 нест.
4. ИЛ-б. 1002 нест.
5. И-тира.

www.sattor.com

Яке анҷуман кард хоқони Чин
Бузургону гурдони Туронзамин.[*1]

Ба Пирон чунин гуфт, к-«Имрӯз ҷанг
Насозему рӯзе бибояд диранг.

Яке то сарафроз[*2] гарданкашон
Або ин саворони мардумкушон

Баросояд аз ранҷи роҳи дароз,
Ҳам аз тохтан дар нишебу фароз.[3]

Бубинем, к-эрониён бар чиянд?
Бад-ин размгоҳ-андарун бо киянд?»

Чунин гуфт Пирон, ки «Хоқони Чин
Хирадманд шоҳ аст боофарин.

Бар он ронад имрӯз, к-аш дил ҳавост,
Ки ӯ бар сипаҳ сар ба сар подшост».

Хурӯшидан омад зи пардасарой,
Ҳамон нолаи кӯс бо каррной.

Зи пилон ниҳоданд бар панҷ тахт,[*4]
Саросар зи дебои чиниш рахт.[*5]

Забарҷад нишонда ба тахт-андарун,[*6]
Зи дебои зарбафти пирӯзагун.

1. М-Ба дебо биёрост рӯи замин.
2. М-Ки то сарфарозону.
3. И-б. 1007 нест.
4. М-зин.
5. М-Биёрост лашкар ба дебои Чин.
6. М-сумин дарою.

www.sattor.com

Ба зарринситому ҷаноҳи[1] паланг,
Ба зарриндарою[*2] ҷарасҳову занг.

Зи афсар сари пилбон пурнигор,
Ҳама пок бо тавқу бо гӯшвор.

Ҳаво шуд зи бас парниёнӣ дурафш,
Чу бозори Чин зарду сурху бунафш.

Сипоҳӣ бирафт андар он дашти разм,
К-аз эшон ҳаме орзу хост базм,

Замин шуд ба кирдори чашми хурӯс,
Зи бас рангу oроишу ною[3] кӯс.

Бирафтанд шоҳону лашкар зи ҷой,
Ҳаво пур шуд аз нолаи каррной.

Синонҳо дурахшону ҷӯшон сипоҳ,
Шуда рӯи ҳомун[*4] зи лашкар[5] сиёҳ.

Чу аз дур Туси сипаҳбад бидид,
Сипаҳ он чӣ будаш рада,[6] баркашид.

Бубастанд гурдони Эрон миён,
Биёвард Гев ахтари ковиён,

Зи овардгаҳ то сари теғи кӯҳ
Аз эронсипаҳ буд гурӯҳогурӯҳ.

---

1. ЛМ-ҷуноҳи.
2. М-кишвар.
3. И-Аз он нолаи лашкару бӯқу.
4. М-ба саф.
5. И-кишвар саросар.
6. Л-сафе.

www.sattor.com

Чу Комусу Маншуру хоқони Чин,
Чу Беварду[*1] чун Шангули пешбин -

Назора ба кӯҳи Ҳамован шуданд,
На бар орзу пеши душман шуданд

Чу аз дур хоқони Чин бингарид,
Хурӯши саворони Эрон шунид,

Писанд омаду[*2] гуфт: «Инат сипоҳ,
Саворони мардафкану размхоҳ.

Сипаҳдор Пирон дигар гунагуфт,
Ҳунарҳои мардон нашояд нуҳуфт.

Сипаҳбад сари чоҳ пӯшад ба хор,
Бар ӯ асп тозад ба рӯзи шикор,

Аз он беҳ, ки бар хира рӯзи набард
Ҳунарҳои душман кунад зери гард.

Надидам саворону гарданкашон,
Ба гурдиву мардонагӣ з-ин нишон».

Бад-ӯ гуфт Пирон, к-«Аз андак сипоҳ
Нагиранд ёд андар ин размгоҳ».

Ба Пирон чунин гуфт хоқони Чин,
Ки «Акнун чӣ созем бар дашти кин?»

Бад-ӯ гуфт Пирон, ки «Роҳи дароз
Сипардиву дидӣ нишебу фароз.

Бимон, то се рӯз андар ин размгоҳ
Бибошему осуда гардад сипоҳ.

1. М-Фартусу.
2. М-омадаш.

www.sattor.com

Сипаҳро кунам з-ин сипас бар ду ним,
Сар омад кунун рӯзи пайкору[1] бим.

Битозед[2] шабгир то нимрӯз,
Набарда саворони гетифурӯз.

Ба жӯпину ханҷар ба гурзу камон
Ҳаме разм ҷӯянд бо бадгумон.

Дигар нимарӯзи дигар ҳамгурӯҳ
Бикӯшанд, то шаб барояд зи кӯҳ.

Шаби тира осудагонро ба ҷанг
Барам, то бар эшон шавад кор танг.

Намонем, к-ором гиранд ҳеч
Саворони мо[*3] бо шитобу[4] басеч».

Чунин гуфт Комус, к-«Ин рой нест,
Бад-ин мӯлиш-андар маро пой нест.

Бад-ин моя мардум, бад-ин гуна ҷанг
Чаро ҷуст бояд ба чандин диранг.

Бисозему якбора ҷанг оварем,
Бар эшон дару кӯҳ танг оварем.

Ба Эрон гузорем аз эдар сипоҳ,
Намонем тахту на тоҷу кулоҳ.[5]

Бару бум якбора вайрон кунем,
Ба коми далерону шерон кунем.

---

1. И-рӯз бо кому.
2. И-Бибошем; Л-Битозанд.
3. М-ман.
4. Л-сипоҳу; И-ман бо сипоҳу.
5. Л-на шоҳ.

www.sattor.com

Зану кӯдаки хурду пиру ҷавон,
На шоҳу куноранг, на[1] паҳлавон

Ба Эрон намонам бару буму ҷой,
На коху на айвону на чорпой.

Ба бад рӯз чандин чӣ бояд гузошт,
Ғаму дарди беҳуда тимор дошт?

Як имшаб кушода мадоред роҳ,
Ки эшон бароянд аз ин размгоҳ.

Чу боди сапедадамон бардамад,
Сипаҳ ҷумла бояд, ки андарчамад[2].

Дурафши маро бо сипаҳдори Ҳинд
Барорам бари рӯи кӯҳи баланд.[3]

Яке пушта бинӣ ба болои кӯҳ
Ту фардо зи гурдони эронгурӯҳ.

Бар он сон, к-аз эрониён сар ба сар
Набинанд аз ин пас магар мӯягар».

Бад-ӯ гуфт хоқон: «Ҷуз ин рой нест,
Ба гетӣ чун ӯ лашкаророй нест».

Ҳама номдорон бар ин ҳамсухун,
Ки Комуси шерафкан афканд бун.

Бигуфтанд в-аз ҷой бархостанд,
Ҳама шаб ҳаме лашкар оростанд.

1. Л-кунорангу.
2. Л-эдар.
3. ИЛ-б. 1052 нест.

www.sattor.com

РАСИДАНИ ФАРИБУРЗ БА КӮҲИ ҲАМОВАН

Чу хуршед бар кишвари лоҷвард[1]
Саропардае зад зи дебои зард.

Хурӯше баланд омад аз*[2] дидагоҳ
Ба Гударз, к-«Эй паҳлавони сипоҳ!

1060 Сипоҳ омаду роҳ наздик шуд,
Зи гарди сипаҳ рӯз торик шуд».

Биҷунбид Гударз аз*[3] ҷои хеш,
Биёвард пӯянда болои хеш.[4]

Сӯи гарди торик бинҳод рӯй,
Ҳаме шуд халидадилу роҳҷӯй.

Биёмад чу наздики эшон расид,
Дурафши сипаҳбад Фарибурз*[5] дид,

Ки ӯ буд аз эронсипаҳ пешрав,
Писандидаву хешу солори нав.

1065 Пиёда шуд аз асп Гударзи пир,
Ҳама[6] лашкарафрӯзи донишпазир.

Гирифтанд мар якдигар дар канор,
Биборид Гударз хун бар канор.

Фарибурз гуфт: «Эй сипаҳдори пир,
Ҳамеша ба ҷанг-андарун ногузир.

---

1. Л-ложвард.
2. М-баромад аз он.
3. М-бар
4. ТПЗЛ - Нишаст аз бари бораи раҳнамой,
   Барангехт бар сони оташ зи ҷой.
5. М-Фарибурзи Ковус.
6. ИЛМ-Ҳамон.

www.sattor.com

Зи кини[*1] Сиёвуш ту дорӣ зиён,[2]
Дареғо,[3] саворони гударзиён.

Аз эшон туро мужда[4] бисёр бод,
Сари бахти душман нагунсор бод!

Сипос аз Худованди хуршеду моҳ,
Ки дидам туро зинда бар ҷойгоҳ».

Аз эшон биборид Гударз хун,
Ки буданд хуфта[*5] ба хок-андарун.

Бад-ӯ гуфт: «Бингар, ки аз бахти бад
Ҳаме ҳар замон бар сарам бад расад.

Аз ин ҷанг пуру набера намонд,
Сипоҳу дурафшу табира намонд.

Фаромуш шудам кори он корзор,
Кунун аст разму кунун аст кор.

Сипоҳ аст чандон бар он дашту роғ,
Ки з-эшон замин гашта[6] чун парри зоғ.

Ҳама лашкари Тус бо ин сипоҳ
Чу гови сапед асту мӯи сиёҳ.[7]

Зи Чину зи Суқлобу аз Ҳинду Рум,
Зи вайрона гетиву обод бум

1. М-хуни.
2. И-нишон.
3. И-дареғ аз.
4. Л-музд.
5. М-кушта.
6. ЛМ-рӯи замин гашт.
7. Л-Чу абри сиёҳ аст бар чарх моҳ.

www.sattor.com

Ҳамоно, намондаст як ҷонвар,
Ки бар ҷанги мо барнабаста камар.

Кунун то нагӯӣ, ки Рустам куҷост,
Зи ғамҳо нагардад маро пушт рост».

Фарибурз гуфт: «Ӯ пас аз ман зи ҷой
Биёяд, набудаш ба ҷуз разм рой.

Шаби тираро то сапедадамон
Биёяд, наҷӯяд ба раҳ-бар замон.

Кунун ман куҷо гирам оромгоҳ,
Куҷо ронам ин хормоя сипоҳ?»

Бад-ӯ гуфт Гударз: «Рустам чӣ гуфт?
Ки гуфтори ӯро нашояд нуҳуфт».

Фарибурз гуфт: «Эй гаронмоя[1] мард,
Таҳамтан нафармуд моро набард.

Бибошед, - гуфт, - андар он размгоҳ,
Набояд шудан пеши рӯи сипоҳ.

Бибояд бар он размгоҳ орамид,
Яке то дурафши ман ояд падид».

Ҳаме рафту[*2] Гударз бо ӯ бирафт,
Ба роҳи Ҳамован хиромид тафт.

РОЙ ЗАДАНИ ПИРОН БО ХОҚОНИ ЧИН

Чу лашкар падид омад аз дидагоҳ,
Бишуд дидабон назди туронсипоҳ.

1. И-чҳондида.
2. М-Бирафт ӯву.

www.sattor.com

Ба Пирон чунин гуфт пас дидабон,
Ки «Бар ҷанг бандед яксар миён,[1]

К-аз Эрон яке лашкар омад зи дашт,
Аз он рӯй сӯи*[2] Ҳамован гузашт».

Сипаҳбад бишуд пеши хоқони Чин,
Ки «Омад сипоҳе аз Эронзамин.

Надонам, ки чанд асту солор кист?
Чӣ созему дармони ин кор чист?».

Бад-ӯ гуфт Комуси ҷангозмой:
«Ба ҷое ки меҳтар ту бошӣ ба пой.

Бузургони даргоҳи Афросиёб,
Сипоҳе ба кирдори дарёи Об -

Ту дорӣ, чӣ кардӣ дар ин панҷ моҳ
Бар ин дашт бо хормоя сипоҳ?

Кунун чун замин сар ба сар лашкар аст,
Чу хоқону Маншур чун ман сар аст,

Бимон, то ҳунарҳо падид оварем,
Ту дар бастаӣ, мо калид оварем.[3]

Гар аз Кобулу Зобулу марзи Ҳинд
Шавад рӯи гетӣ чу чинипаринд.

Ҳамоно ба танҳо чу ман кас наянд,
Нагӯӣ, ки эрониён худ киянд.

1. И-б. 1089 нест.
2. М-сӯи кӯҳи
3. И-б. 1097 нест.

www.sattor.com

Ту тарсонӣ аз Рустами номдор,
Нахустин аз ӯ ман барорам димор.

Гараш як замон андарорам ба дом,
Намонам, ки монад ба гетиш ном.

Ту аз лашкари Систон хастаӣ,
Дили хеш дар ҷангашон бастаӣ.

Яке бор дасти ман андар набард,
Нигаҳ кун, чу[1] бархезад аз дашт гард.

Бидонӣ, ки андар ҷаҳон мард кист,
Далерон кадоманду пархош[2] чист.

Бад-ӯ гуфт Пирон: «Анӯша бадӣ
Ҳамеша зи ту дур дасти бадӣ.

Ҳама ҳар чи гуфтӣ, ҳамон боду бас,
Мабодо ҳамоварди ту ҳеч кас».[3]

Ба Пирон чунин гуфт хоқони Чин,
Ки «Комусро роҳ додӣ ба кин.

Ба кирдор пеш оварад ҳар чи гуфт,
Ки бо кӯҳ ёр асту бо пил ҷуфт.

Аз эрониён нест чандин сухун,
Дили ҷангҷӯён чунин бад макун.

Ба Эрон намонам яке сарфароз,
Барорем гард аз нишебу фароз.

1. К-ки.
2. ИЛ-пайкор.
3. ИЛ-б. 1106 нест.

www.sattor.com

Ҳар он кас, ки ҳастанд бо ҷоҳу об,
Фиристам ба наздики Афросиёб.

Ҳама пой карда ба банди гарон,
В-аз эшон фаровон бурида сарон.

Ба Эрон намонем барги дарахт,
На шоҳу на гоҳу на тоҷу на тахт».

Бихандид Пирону кард офарин,
Бар он номдорону хоқони Чин.

Ба лашкаргаҳ омад шуда шодмон,
Бирафтанд гурдон ҳам андар замон.

Чу Ҳумону Лаҳҳоку Фаршедвард,
Бузургону шерони рӯзи набард

Бигуфтанд, к-омад зи Эрон сипоҳ
Яке пешрав бо дурафши сиёҳ.

Зи корогаҳон номдоре дамон
Бирафту биёмад ҳам андар замон.

Фарибурзи Ковус, - гӯянд, - ҳаст
Сипоҳе[*1] сарафрози хусравпараст.

Чунин гуфт Пирон ба Ҳумони гурд,
Ки «Бояд зи рӯи дил андеша бурд.[2]

Чу Рустам набошад, аз ӯ бок нест,
Дами ӯ бар ин заҳр тарёк нест.

1. М-Саворе.
2. И-б. 1120 нест:
ТПЗ- Ба ҳарчанд, к-ояд аз Эрон сипоҳ
Бари Геву Тус андар ин размгоҳ.

www.sattor.com

Або он, ки Комус рӯзи набард
Ҳаме пилтанро надорад ба мард.

Мабодо, ки ӯ дорад эдар[1] ба ҷанг,
В-агар чанд Комус бошад наҳанг».

Бад-ӯ гуфт Ҳумон, ки «Эй паҳлавон,
Чӣ дорӣ ба андеша тира равон.[2]

На Рустам, на аз Систон лашкар аст,
Фарибурзро хоку хун эдар аст».

Чунин гуфт Пирон, ки «Аз тахту гоҳ
Шудам дуру безорам аз ҳуру моҳ,

Ки чун ман шунидам, к-аз Эрон сипоҳ
Хиромиду омад бад-ин размгоҳ.

Бишуд мағзу ҷону сарам пур зи дард,
Баровардам аз дил яке боди сард».

Бад-ӯ гуфт Гулбод, к-«Он дард чист?
Чаро бояд аз Тусу Рустам гирист?

Зи бас гурзу шамшеру[*3] пилу сипоҳ,
Миён - андарун бодро нест роҳ.

Чӣ эрониён пеши мо - дар,[4] чӣ хок,
Зи Кайхусраву Тусу Рустам чӣ бок?»

Пароканда гаштанд аз он ҷойгоҳ,
Сӯи хаймаи хеш ҷустанд роҳ.

---

1. Л- андар ояд.
2. ИЛ-б. 1124 нест.
3. М-теғу ҷӯпину.
4. И-мову.

www.sattor.com

В-аз он пас[*1] чу огоҳӣ омад ба Тӯс,
Ки шуд рӯи кишвар пуровои кӯс,

Аз Эрон биёмад гави пилтан,
Фарибурзи Ковусу он анҷуман.

Бифармуд, то баркашиданд кӯс,[2]
Зи гарди сипаҳ гашт кӯҳ обнӯс.[3]

Зи кӯҳи Ҳамован баромад хурӯш,
Замин омад аз бонги аспон ба ҷӯш.

Сипаҳбад бар эшон забон баркушод,
Зи Мозандарон кард бисёр ёд,

Ки бо дев дар ҷанг Рустам чӣ кард,
Бар эшон чӣ овард рӯзи набард.

Сипоҳ офарин хонд[*4] бар паҳлавон,
Ки бедордил бошу равшанравон.

Бад-ин мужда гар ҷон фишонам, равост,
Ки ин мужда осоиши[5] ҷони мост.

Кунун чун Таҳамтан биёяд ба ҷанг,
Надоранд по ин сипаҳ бо наҳанг.

Якояк бар ин кӯҳ разме кунем,
Ки ин нанг аз эрониён бифканем.

---

1. М-сӯ.
2. И-ной.
3. И-Чи овои кӯсу чи аз каррной.
4. М-кард.
5. ИЛ-ороиши.

www.sattor.com

Дурафши сарафроз хоқону тоҷ,
Сипарҳои[*1] заррину он тахти оҷ,

Ҳамон афсари пилбонон ба зар,
Ҳамон тавқи заррину зарринкамар,

Ҳамон занги заррину заррин ҷарас,
Ки андар ҷаҳон он надидаст кас.

Ҳамон чатр, к-аз думми товуси нар
Бар ӯ бофта чанд гуна гуҳар.

Ҷуз ин низ[2] чандон[3] ба чанг оварем,
Чу ҷонро бикӯшему ҷанг оварем.

Ба лашкар чунин гуфт бедор Тӯс,
Ки «Ҳам бо ҳаросему ҳам бо фусӯс.

Ҳама домани кӯҳ пурлашкар аст,
Сари номдорон ба дом андар аст.

Чу Рустам биёяд, накӯҳиш кунад,
Магар, к-ин суханро пижӯҳиш кунад,

Ки чун мурғи парбаста будӣ ба дом,
Ҳама[4] кор нокому пайкор хом.

Сипаҳбад ҳамон буду лашкар ҳамон,
Касеро надидам зи гурдон дамон.[5]

1. Ҳамон тавқи.
2. Л-Чатр.
3. ИМ-чанде.
4. Л-Ҳамон.
5. ТПЗМ- Аз ин пеш, к-ояд Таҳамтан ба ҷанг,
Биҷӯем ному бишӯем нанг.

www.sattor.com

Яке ҳамла созем чун шери нар,
Шаванд аз буну кӯҳ з-он сӯ магар».[1]

Сипаҳ гуфт, к-ин бартарӣ худ маҷӯй,
Сухан з-ин нишон ҳеч гуна маҷӯй.

Аз ин кӯҳ[2] кас пештар нагзарад,
Магар Рустам ин размгаҳ бингарад.

Бибошем бар пеши яздон ба пой,
Ки ӯяст бар некуӣ раҳнамой.

Ба фармони дорандаи ҳуру моҳ
Таҳамтан биёяд бар ин размгоҳ.

Чӣ дорӣ нажанд[3] ахтари хешро,
Дирам бахшу динор дарвешро.

Ба шодӣ зи гурдони эронгурӯҳ
Хурӯшидан омад зи болои кӯҳ.

Бирафтанд шодон сӯи ҷои хеш,
Ҳама шаб ҳаме буд бо рои хеш.[4]

РАЗМ КАРДАНИ ГЕВ ВА ТУС БО КОМУС

Чу хуршед зад панҷа бар пушти гов,
Зи ҳомун баромад хурӯши чаков.

Зи даргоҳи Комус бархост ғав,
Ки ӯ буд мардафкану[5] пешрав.

1. И-б. 1153 нест.
2. ИЛ-Аз ин гуна.
3. Л-баланд.
4. И-б. 1160 нест.
5. И-шерафкану.

www.sattor.com

Сипоҳ анҷуман карду ҷавшан бидод,
Дилаш пур зи разму сараш пур зи бод.

Зиреҳ буд бар тан-ш пироҳанаш,
Кулаҳ-тарг буду қабо-ҷавшанаш.

Зи гарданкашон лашкаре баргузид,
Зи пӯлоду[1] оҳан шуда нопадид.

Биёмад падидор гарди сипоҳ,
Зи шамшеру ҷавшан надиданд роҳ.

Ба Эрон хурӯш омад аз дидагоҳ,
К-аз ин рӯй танг-андар омад сипоҳ.

Дурафши сипаҳбад гави пилтан
Падид омад андар паси анҷуман.[2]

В-аз ин рӯй, - гуфтӣ,[3] - зи туронсипоҳ
Ҳаво гашт бар сони абри сиёҳ.

Сипаҳбад саворе чу як лахти кӯҳ
Замин гашт аз сумми аспаш[4] сутӯҳ.

Яке гурз ҳамчун сари говмеш,
Сипоҳ аз пасу найзадорон-ш пеш

Ниҳода мар он гурз бар ёлу кифт,
Сазад, гар бимонӣ аз ӯ дар шигифт.

В-аз ин рӯй эронсипаҳдор Тус
Ба абр андаровард овои кӯс.

1. Л-Ба дебову; ИМ-Зи дебову.
2. И-б. 1168 нест.
3. Л-рӯи гетӣ.
4. Л-наъли аспон.

www.sattor.com

Хурӯшидани дидабон паҳлавон
Чу бишнид, шуд шоду равшанравон.

Зи наздики Гударзи Кашвод тафт
Саворе ба назди Фарибурз рафт,

Ки туронсипаҳ[1] сӯи ҷанг омаданд,
Рада[2] баркашиданду танг омаданд.

Набояд, ки анбӯҳ бар мо зананд,
Пароканда моро зи бун барканaнд.[3]

Чунон[4] кун, ки аз гавҳари ту сазост,
Ки ту меҳтариву падар подшост,

Ки гарди Таҳамтан баромад зи роҳ,
Ҳам акнун биёяд бад-ин размгоҳ.

Фарибурз бо лашкари гурди нев
Биёмад, бипайваст бо Тусу[5] Гев.

Бари кӯҳ лашкар биёростанд,
Дурафши хуҷаста биперостанд.

Чу бо майсара рост шуд маймана,
Ҳамон соқаву қалбу ҷои буна.

Баромад хурӯшидани каррной,
Сипаҳ чун сипеҳр андаромад зи ҷой.

Чу Комус танг андаромад ба ҷанг,
Ба ҳомун набудаш замоне диранг.

---

1. И-туронмеҳон.
2. И-Сипаҳ.
3. ИЛ-б. 1177 нест.
4. ИЛ-Ту он.
5. И-Бипайваст бо Тусу Гударзу.

www.sattor.com

Сипаҳро ба кирдори дарёи Об,
Ки аз кӯҳ фуруд ояд андар шитоб.

Биёвард, пеши Ҳамован расид,[*1]
Ҳаво нилгун шуд, замин нопадид.

Чу наздик шуд, сар сӯи кӯҳ кард,
Пур аз ханда рух сӯи анбӯҳ кард,

Ки «Эрониёнро гаҳи корзор
Ҳамовард номард будӣ ба кор.

Кунун лашкари гашну[*2] кундовар аст,
На Пирону Ҳумону он лашкар аст.

Кӣ доранд аз эронсипаҳ ҷангҷӯй,
Ки бо ман бурун андароранд рӯй?

В-аз он пас бад-он кӯҳ овоз кард,
Ки «Эй шермардони рӯзи набард,[3*4]

Бубинед болову бурзи маро,
Бару бозуву теғу[5] гурзи маро».

Чу бишнид Гев ин сухан, бардамид,
Барошуфту теғ аз миён баркашид.

Чу наздиктар шуд, ба Комус гуфт,
Ки «Инро магар жандапил аст ҷуфт».

Камон баркашиду ба зеҳ барниҳод,
Зи Яздони некидиҳиш кард ёд.

1. М-кашид.
2. М-тезу.
3. ИЛ-б. 1191 нест.
4. М-б. 1191 нест.
5. И-Ҳамон теғу кӯполу.

www.sattor.com

Ба Комус-бар тирборон гирифт,
Камонро чу абри баҳорон гирифт.

Чу Комус дасту кушодаш бидид,
Ба зери сипар кард сар нопадид.

Ба найза баромад ба кирдори карг,
Ҳаво пур зи гарду замин пур зи марг.[*1]

Чу омад ба наздики бадхоҳ ӯй,
Яке найза зад бар камаргоҳи ӯй.[2]

Чу шуд Гев ҷунбон ба зин-андарун
Аз он оҳанӣ найзаи обгун.

Сабук теғро баркашид аз ниём,
Хурӯшиду ҷӯшиду баргуфт ном.

Ба пеши савор андаромад дижам,
Бизад теғу шуд найзаи ӯ қалам.

Зи қалби сипаҳ Тус чун бингарид,
Ғамӣ шуд чу ҷангӣ далерон бидид.

Бидонист, к-он марди Комус нест,
Чунон найзавар мард ҷуз Тус нест.

Хурӯшон баромад[3] зи қалби сипоҳ,
Ба ёрӣ бари Гев шуд кинахоҳ.

---

1. М-Замин пур зи мурда, ҳаво пуртагарг.
2. Бизад бар камаргоҳи Гев аз ниҳеб,
   Бурун омадаш ҳарду по аз рикеб.
   Чунон шуд синон аз камарбанди ӯй,
   Ки мехост бугсист пайванди ӯй.
3. Л-биёмад.

www.sattor.com

Инонро бупечид Комус танг,
Миёни ду гурд андаромад ба ҷанг.

Бизад теғ бар гардани[*1] аспи Тус,
Ки шуд рӯи солор чун обнус.[2*3]

Бияфтод аспу биҷаст он далер,
Биистод бар сони ғуррандашер.[4]

Ба найза пиёда[5] ба овардгоҳ
Ҳаме гашт бо ӯ ба[6] пеши сипоҳ.

Ду гурди гаронмояву як савор
Кашонӣ[7] нашуд сер аз он корзор.

Бар ин гуна то тира шуд ҷои ҳур,
Ҳаме буд бар дашт ҳар гуна шӯр.

Чу шуд дашт бар гунаи обнӯс,
Пароканда гаштанд Комусу Тус.

Сӯи хайма рафтанд ҳар ду гурӯҳ,
Яке сӯи дашту яке сӯи кӯҳ.

РАСИДАНИ РУСТАМ НАЗДИ ЭРОНИЁН

Чу гардун тиҳӣ шуд зи хуршеду моҳ,
Талоя баромад зи ҳарду сипоҳ.

---

1. М-Яке найза зад бар сари.
2. ИЛ-б. 1207 нест.
3. М-Баромад зи эронсипаҳ бӯқу кӯс.
4. ЛМ - Нахуст аспи Туси диловар бимонд,
   Сипаҳбад бар ӯ номи Яздон бихонд.
5. И-аз он пас.
6. И-Пиёда ҳамегашт.
7. И-Яке тан.

www.sattor.com

Аз он дидагаҳ дида букшод лаб,
Ки шуд дашт пургарду[1] торик шаб.

Пур аз гуфтугӯй аст ҳомуну роғ,
Миёни ялон низ чандин чароғ.

Ҳамоно, ки омад гави пилтан
Дамону зи Зобул яке анҷуман.

Чу бишнид Гударзу Кашвод тафт,
Шаби тира аз кӯҳи хоро бирафт.

Падид омад он аждаҳофаш дурафш,
Шаби тираву рӯи гетӣ бунафш.[2]

Пиёда шуд аз асп Рустам ҳамон,
Пиёда биёмад чу боди дамон.

Гирифтанд мар якдигарро канор,
Хурӯше баромад зи ҳар ду ба зор.

Аз он номдорони гударзиён
В-аз он суд ҷустан, ки омад зиён.[3]

Бад-ӯ гуфт Гударз, к-«Эй паҳлавон,
Ҳушивору ҷангиву равшанравон!

Ҳаме тоҷу тахт аз ту гирад фурӯғ,
Сухан ҳар чӣ гӯӣ, набошад дурӯғ.

---

1. ИЛ-пурхоку.
2. ТПЗИЛ - Чу Гударз рӯи Таҳамтан бидид,
   Шуд аз оби дида рухаш нопадид.
3. ТПЗЛ - Ки ҳам хеш буданд аз дер боз,
   Ки домоди ӯ буд гави сарфароз.
   Ҳамон Бежан аз духтари пилтан
   Гаве буд сарафроз дар анҷуман.

www.sattor.com

Ту эрниёнро зи мому падар
Беҳию зи тахту зи ганҷу гуҳар.[1]

Чунонем бе ту, ки моҳӣ ба хок
Ба санг - андарун сар, тан андар мағок.[2]

Чу дидам ман ин хуб чеҳри туро,
Ҳам ин пурсиши гарму меҳри туро.

Маро сӯги он арҷмандон намонд,
Ба бахти ту ҷуз рӯи хандон намонд».

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Дил шод дор,
Зи ҳар бад тани меҳтар[3] озод дор,

Ки гетӣ саросар фиреб асту ранҷ,
Сар ояд ҳаме, чун намояд-т ганҷ.[4]

Якеро ба бешӣ,[5] якеро ба танг,[6]
Якеро ба ному якеро ба нанг.

Ҳаме рафт бояд, к-аз ин чора нест,
Маро бадтар аз марг патёра нест.

Равони ту з-он дард бедард бод,
Ҳама[7] рафтани мо ба овард бод!»

---

1. ТПЗЛ - В-аз инҳо ҳама меҳтару беҳтарӣ,
Ки бе ту мабодо сару сарварӣ*.
Фузунӣ ту, эй паҳлавони замин,
Зи пилону шерон ба ҳангоми кин.
* Л-танҳо б. аввал мавҷуд аст.
2. ТПЗ - Ту аз дидаву дил гиромитарӣ,
Зи номоварон низ номитарӣ.
3. И-гетӣ тани хеш.
4. И-б. 1230 нест.
5. И-шодӣ.
6. ИМ-ҷанг.
7. И-Ҳамон.

www.sattor.com

Аз он пас чу огоҳ шуд Тусу Гев
В-аз Эрон набарда саворони нев,

Ки Рустам ба кӯҳи Ҳамован расид,
Мар ӯро ҷаҳондида Гударз дид.

Бирафтанд чун бод гурдон зи ҷой,
Хурӯш омаду нолаи каррной.[1]

Сипоҳу сипаҳбад пиёда шуданд,
Миёнбаставу дилкушода шуданд.[2]

Хурӯше баромад зи лашкар бадард
Аз он куштагон зери хоки набард.

Дили Рустам аз дарди эшон бихаст,
Ба наввӣ ба кина миёнро бубаст.[3]

Бинолид аз он пас зи дарди сипоҳ,
Чу огаҳ шуд аз кори овардгоҳ.

Басе пандҳо дод, гуфт: «Эй сарон,
Ба пеш омад имрӯз разми гарон.

Чунин аст оғозу анҷоми[4] разм,
Якерост мотам, якерост[5] базм».

---

1. ТПЗИЛ - Чу омад дурафши сипаҳбад падид,
Шаби тира Рустам ба лашкар расид*.
* Л-лашкар ба Рустам.
2. ТПЗ - Ба фарёд гуфтанд, к-эй паҳлавон,
Ба фарёди лашкар бирас, то тавон.
Ҳама дашт оғушта аз хуни мост,
Ҷаҳон тира аз бахти вожуни мост.
Намонда зи гударзиён зинда кас,
Ту акнун сипаҳро ба фарёд рас.
3. Л-б. 1239 нест.
4. Л-Фарҷом.
5. ИЛ-Хиромаш камон асту шамшер.

www.sattor.com

Саропарда зад гурди гетифурӯз,
Паси пушти ӯ лашкари Нимрӯз.

Ба кӯҳ-андарун хаймаҳо сохтанд,
Дурафши сипаҳбад барафрохтанд.[1]

Нишаст аз бари тахт-бар пилтан,
Ҳама номдорон[*2] шуданд анҷуман.

Ба[*3] як даст биншаст Гударзу Гев,
Ба дасти дигар Тусу гурдони нев.

Фурӯзон яке шамъ бинҳод пеш,
Сухан ронд ҳар гуна аз камму беш.

Зи кори бузургону ҷангу сипоҳ,
Зи тобанда хуршеду рахшанда моҳ.

Фаровон аз он лашкари бешумор
Бигуфтанд бо паҳлави[4] номдор.

Зи Комусу Шангул, зи хоқони Чин,
Зи Маншуру гурдони Туронзамин.

Зи Комус худ ҷои гуфтор нест,
Ки моро бад-ӯ роҳи дидор нест.

Дарахтест, бораш ҳама гурзу теғ,
Ки гар бар сараш[*5] санг борад зи меғ,

1. ТПЗ- Ниҳоданд дар пеш тахте зи оч,
Ба ороиши тахт курсии соч.
2. М-Бузургони лашкар.
3. М-Зи.
4. Л-Рустами.
5. М-Натарсад агар.

www.sattor.com

Зи пилони ҷангӣ наҷӯяд гурез,
Сараш пур зи кина, дилаш пурситез.

Зи Маншур худ бар замин ҷой нест,
Чу гурд ӯ яке лашкаророй нест.

Аз ин кӯҳ то пеши дарёи Шаҳд
Дурафшу сипоҳ асту пилону маҳд.

Зи таргу зи ҷавшан худ андоза нест,
Бад-ин дашт як марди рухтоза нест.

Ҳама дашт хиргоҳу пардасарой
Зи дебои Чин аст карда ба пой.

Агар сӯи мо паҳлавони сипоҳ
Накардӣ гузар, кор будӣ табоҳ.

Сипос аз Худованди пирӯзгар,
Ки овардамон ранҷу сахтӣ ба сар.

Тани мо ба ту зинда шуд бегумон,
Набуд ҳеч касро умеди замон.

В-аз он куштагон як замон паҳлавон
Ғамӣ гашту гирёну тираравон.

В-аз он пас чунин гуфт, к-«Аз чарху моҳ
Бубин,[1] то сари тирахоки сиёҳ.

Ҳама гурму дард асту[2] тимору ранҷ,
Бар ин аст расми сарои сипанҷ.

Чунин аст кирдори гардонсипеҳр,
Гаҳе ҷангу заҳр асту гаҳ нӯшу меҳр.

1. И-Бирав.
2. ИМ-набинӣ магар гурму.

www.sattor.com

Агар кушта, гар мурда, ҳам бугзарем,
Сазад, гар ба чуну чаро нангарем.

Чунон рафт бояд, киояд замон,
Машав тез бо гардиши осмон.

Ҷаҳондори пирӯзгар[1] ёр бод,
Сари бахти душман нагунсор бод!

Аз ин пас ҳама кина боз оварем,
Ҷаҳонро[*2] бар эшон ниёз оварем».

Бузургон бар ӯ хонданд офарин,
Ки бо афсару теғу тоҷу нигин

Ҳамеша бизӣ номбардору шод,
Дари шоҳи пирӯз бе ту мабод!

ЛАШКАР ОРОСТАНИ ТУРОНИЁН ВА ЭРОНИЁН

Чу аз кӯҳ бифрӯхт гетифурӯз,
Ду зулфи шаби тира бигрифт рӯз.

Аз он чодари қир берун кашид,
Ба дандон лаби моҳ дар хун кашид.

Табира баромад зи пардасарой,[3]
Бирафтанд гурдони лашкар зи ҷой.

Сипаҳдор Ҳумон ба пеши сипоҳ
Биёмад ҳаме кард ҳар сӯ нигоҳ.

1. И-фирӯзгар.
2. М-ҷаҳоне.
3. ИЛ-ҳар ду сарой.

www.sattor.com

Ки эрониёнро кӣ ёр омадаст?
Ки хиргоҳу хайма ба кор омадаст?»

Зи пирӯзадебо саропарда дид,
Фаровон ба гирд-андарун[1] парда дид.

Дурафшу синони сипаҳбад ба пеш
Ҳамон гардиши ахтар омад ба пеш.

Саропардае дид дигар сиёҳ,
Дурафше дурахшон ба кирдори моҳ.

Фарибурзи Ковус бо пилу кӯс
Фаровон зада хайма наздики Тус.

Биёмад, ба Пирон пур аз ғам бигуфт,
Ки «Шуд рӯз бо ранҷи бисёр ҷуфт.

Аз Эрон деҳу дору бонги хурӯш
Фаровон зи ҳар шаб фузун буд дӯш.

Ба танҳо бирафтам зи хайма пагоҳ,
Ба лашкар ба ҳар ҷой кардам нигоҳ.

Аз Эрон фаровон сипоҳ омадаст,
Ба ёрӣ бар ин размгоҳ омадаст.[2]

Зи дебо яке сабз парда сарой,
Яке аждаҳофаш дурафше ба пой.

Сипоҳе ба гирд-андараш зобулӣ,[3]
Сипардору бо ханҷари кобулӣ.

1. Л-гирдаш дарун.
2. И-б. 1283 нест.
3. И-зовулӣ.

www.sattor.com

Гумонам, ки Рустам зи наздики шоҳ
Ба ёрӣ биёмад бар ин размгоҳ».

Бад-ӯ гуфт Пирон, ки «Бад рӯзгор,
Агар Рустам ояд бар ин корзор,[1]

На Комус монад, на хоқони Чин,
На Шангул, на гурдони Туронзамин».

Ҳамон гаҳ[2] зи лашкаргаҳ андаркашид[3],
Биёмад, сипаҳро ҳама бингарид.

В-аз он ҷо дамон пеши[4] Комус шуд,
Ба наздики Маншуру Фартус шуд,[5]

Ки «Шабгир аз эдар бирафтам пагоҳ,
Бигаштам ҳама гирди эронсипоҳ.

Ба ёрӣ фаровон сипоҳ омадаст,
Басе номвар кинахоҳ омадаст.

Гумонам, ки он Рустами пилтан,
Ки гуфтам ҳаме пеши ин анҷуман,

Ба ёрӣ биёмад кунун кинахоҳ
Зи наздикии[*6] шоҳи эронсипоҳ».

Бад-ӯ гуфт Комус, к-«Эй пурхирад,
Дилат яксар андешаи бад барад.

---

1. Л-б. 1287 нест:
   ТПЗ- Чунон дон, ки дигар набошем шод,
   Гар ин ҷо пагоҳ ояд он девзод.
2. Л-Ҳамоно.
3. Л-эдар.
4. И-сӯи.
5. ТПЗЛ - Чунин гуфт Пирон ба Комуси гурд,
   Ки эй номбардори ҷангӣ на хурд.
6. М-Бирафт аз дари.

www.sattor.com

Чунон дон, ки Кайхусрав омад ба ҷанг,
Макун хира дилро бад-ин кор танг.

Зи Рустам чӣ ронӣ ту чандин сухун?
Зи Зобулситон ёд ҳаргиз макун.[1]

Дурафши маро гар бубинад ба ҷанг,
Дилаш мотам орад ба ҳангоми ҷанг.[*2]

Бирав, лашкар орою баркаш сипоҳ,
Дурафш андаровар ба овардгоҳ.

Чу ман бо сипоҳ андароям ба ҷанг,
Набояд, ки бошад шуморо[3] диранг.

Бубинӣ ту пайкори мардон кунун,
Шавад дашт яксар чу дарёи хун.[4]

Дили паҳлавон з-он сухан шод гашт,
Зи андешаи Рустам озод гашт.

Биёмад дили шоду рои дуруст,
Равонро ба оби далерӣ бишуст.

Сипаҳро ҳама таргу ҷавшан бидод,
Ҳаме кард гуфтори Комус ёд.

В-аз он ҷойгаҳ пеши[5] хоқони Чин
Биёмад, бибӯсид рӯи замин.

1. ТПЛ - Ту тарсонӣ аз Рустами номдор,
Нахустин аз ӯ ман барорам димор.
2. М-Ба дарёи Чин бархурӯшад наҳанг.
3. И-Насозед зинҳор як дам.
4. ТПЗ- Барафрозам ин теғу кӯполро,
Бибуррам сари Рустами Золро.
5. ИМ-сӯи.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт: «Шоҳо, анӯша будӣ,
Хирадро ба андеша[1] тӯша будӣ.

Сипардӣ[2][*3] яке роҳи душвору дур,
Харидӣ чунин ранҷи моро ба сур.

Аз[*4] ин сон ба озарми Афросиёб
Гузаштӣ ба киштӣ зи дарёи Об.

Сипоҳ аз ту дорад, ҳаме пушт рост
Чунон кун, ки аз гавҳари ту сазост.

Биёрой пилон ба зангу дарой,
Ҷаҳон кар[5] кун аз нолаи каррной.

Ман имрӯз ҷанг оварам бо сипоҳ,
Ту бо пилу бо кӯс дар қалбгоҳ.

Нигаҳ дор пушти сипоҳи маро,
Ба абр андаровар кулоҳи маро.

Чунин гуфт Комуси ҷангӣ ба ман,
Ки ту пешрав бош аз ин анҷуман.

Яке сахт савгандҳои дароз[*6]
Бихӯрду бароҳехт гурз аз фароз,[*7]

Ки имрӯз ман ҷуз бар ин гурз ҷанг
Наҷӯям, агар борад аз абр санг».

1. И-андоза.
2. И-Бирафти.
3. М-Буридӣ.
4. М-Бар.
5. ИЛ-пур.
6. М-Басе сахт савгандҳои гарон.
7. М-гурзи гарон.

www.sattor.com

Чу бишнид хоқон, бизад каррной,
Ту гуфтӣ, ки дорад магар хок[*1] пой.

Зи бонги табира замину сипеҳр
Биларзиду з-эшон бибуррид меҳр.

Бифармуд, то маҳд бар пушти пил
Бубастанду шуд рӯи гетӣ чу нил.

Биёмад гурозон ба қалби сипоҳ,
Шуд аз гард гардун чу абри сиёҳ.

Хурӯшидани зангу ҳиндидарой
Ҳаме дил даровард гуфтӣ зи ҷой.

Зи бас тахти фирӯза[2*3] бар пушти пил
Дурафшон ба кирдори дарёи Нил.[*4]

Ба чашм-андарун равшаноӣ намонд,
Ҳамон[5] бо равон ошноӣ намонд.

Пур аз хок шуд чашму коми сипеҳр,
Ту гуфтӣ ба қир-андар андуда чеҳр.

Чу хоқон биёмад ба[6] қалби сипоҳ,
Ба чарх-андарун моҳ гум кард роҳ.

Зи Комус чун кӯҳ шуд маймана,
Кашиданд бар сӯи ҳомун буна.

Сӯи майсара низ Пирон бирафт,
Бародар-ш Ҳумону Гулбод тафт.

---

1. М-кӯҳ.
2. Л-пирӯза.
3. М-Дурахшидани тахт.
4. М-Фурӯзон шуда дашт бар чанд мил.
5. ИЛ-Ҳаме.
6. И-биёрост.

www.sattor.com

Чу Рустам бидид он, ки хоқон чӣ кард,
Биёрост лашкар ба дашти набард.

Бифармуд, то Тус барбаст кӯс,
Биёрост лашкар чу чашми[1] хурӯс.

Чунин гуфт Рустам, ки «Гардонсипеҳр
Бубинем, то бар кӣ гардад ба меҳр.

Чӣ гуна бувад гардиши[*2] осмон,
Киро з-ин бузургон сар ояд замон.

Диранги набудам[3] ба роҳ андаке,
Се манзил яке кард[4] Рахшам яке.

Кунун сумми он боркаш кӯфтаст,
Зи роҳу зи ранҷ - андар ошуфтаст.

Наёрам бар ӯ кард нерӯ басе,
Шудан, ҷанг ҷустан ба пеши касе.

Як имрӯз дар ҷанг ёрӣ кунед,
Бар ин душманон комгорӣ кунед.[5]

Сипаҳбад бизад ною рӯинахум,
Хурӯш омаду[6] нолаи говдум.

Биёрост Гударз бар маймана,
Фиристод бар кӯҳи хоро буна.

---

1. Л-ба сони.
2. М-бахшиши.
3. Л-Чунин гуфт Рустам.
4. Л-ҳаме кард.
5. ТПЗ - Бубинем фардо, ки то чун шавад,
   Киро домани бахт пурхун шавад.
6. И-омад аз.

www.sattor.com

Фарибурзи Ковус бар майсара,
Ҷаҳон чун наистон шуда яксара.

Ба қалб-андарун Туси Нӯзарнажод,
Замин пур зи хоку ҳаво пур зи бод.

Ҷаҳон шуд ба гард-андарун нопадид,
Касе аз ялон хештанро надид.

Бишуд пилтан то сари теғи кӯҳ,
Ба дидори хоқону туронгурӯҳ.

Сипаҳ дид чандон, ки дарёи Рум
Аз эшон намудӣ чу як мӯҳра мум.

Кашониву Шукниву Заҳрӣ[1] сипоҳ,
Дигаргуна ҷавшан, дигаргун кулоҳ.

Ҷағониву Чиниву Сақлобу Ҳинд,
Гаҳониву Румиву Наҳриву Синд.

Забони[2] дигаргун ба ҳар гӯшае,
Дурафше навоину нав тӯшае.

Зи пилону ороиши тахти оҷ,
Ҳамон ёраву афсару тавқу тоҷ -

Чунон буд яксар чу боғи биҳишт,
Ба дидори эшон чи хубу чи зишт.

Бар он кӯҳсар монд Рустам шигифт,
Ба баргаштан андеша андар гирифт,

1. Л-Ҳаррӣ.
2. Л-Забоншон.

www.sattor.com

Ки то чун намояд ба мо чарх меҳр,
Чӣ бозӣ кунад пиргашта сипеҳр.[1]

Фуруд омад аз кӯҳу дил бад накард,[2]
Гузар бар сипоҳу сипаҳбад накард.[3]

Ҳаме гуфт, то ман камар бастаам,
Ба як сол як ҷой наншастаам.

Фаровон сипаҳ дидаам пеш аз ин,
Надидам, ки лашкар будӣ беш аз ин.

Бифармуд, то баркашиданд кӯс,
Ба ҷанг андаромад сипаҳдор Тус.

Аз он кӯҳсар сӯи ҳомун кашид,
Ҳаме найза аз кина дар хун кашид.

Ҳаме ниме[*4] аз рӯз лашкар гузашт,
Кашиданд саф бар ду фарсанги дашт.

Зи гарди сипаҳ равшаноӣ намонд,
Зи хуршед шабро ҷудоӣ намонд.

Зи найза,[5] зи пайкон ҳаво тира гашт,
Ҳаме офтоб андар он хира гашт.

---

1. ТПЗ - Бинолид, к-эй кирдгори баланд,
Ба гетӣ туӣ бартар аз чуну чанд.
Нигорандаи гунагун ҷонвар,
Фурӯзандаи анҷуму моҳу х(в)ар.
Дар ин разм ёрӣ деҳ, эй бениёз,
Ки бечора моему ту чорасоз.
Магар бахшишат ёрмандӣ диҳад,
Ба пирӯзиям сарбаландӣ диҳад.
2. И-Кӯҳ дил пур зи дард.
3. И-Сипоҳи Фарибурз кард.
4. М-нима.
5. Л-парру.

www.sattor.com

Хурӯши саворону аспон ба дашт
Зи Баҳрому Кайвон ҳаме баргузашт.

Зи ҷӯши саворону захми табар
Ҳаме санги хоро баровард пар.

Ҳама теғу соид зи хун гашта лаъл,
Хурӯшон шуда[1] хок дар зери наъл.

Дили марди баддил[2] гурезон зи тан,
Далерон зи хафтон бурида кафан.[3]

Ба лашкар чунин гуфт Комуси гурд,
Ки «Гар осмонро бибояд супурд,

Ҳама теғу гурзу каманд оваред,
Бар ин размгоҳи баланд оваред.

Ҷаҳонҷӯйро ҷон ба чанг[4] андар аст.
В-агарна[5] сараш зери санг-андар аст».

РАЗМИ РУСТАМ БО АШКБӮС

Далере, ки буд номи ӯ Ашкбӯс,
Ҳаме бархурӯшид бар сони кӯс.

Биёмад, ки ҷӯяд аз Эрон набард,
Сари ҳамнабард андарорад ба гард.

---

1. И-дили.
2. И-пурдил.
3. ТПЗИЛМ- Бирафтанд ҳар ҷой шерони нар,
Уқоби диловар бияфканд пар.
Намонд эч бо рӯи хуршед ранг,
Ба ҷӯш омада кӯҳи хорову санг*.
*Л-танҳо б. дувум дида шуд; И-танҳо б. якум мавҷуд аст.
4. И-ном чанг; Л-чанг.
5. И-В-агарне.

www.sattor.com

Хурӯшид, к-«Эй номдорони мард,
Кадом аз шумо ояд андар набард?

Кӣ гардад ба овард бо ман дарун,
Бад-он то биронам аз ӯ ҷӯи хун?»[1]*[2]

Чу Руҳҳомро гуфт омад ба гӯш,
Хурӯшиду омад чу дарё ба ҷӯш.[3]

Камонаш камини саворон гирифт,
Бар он номвар тирборон гирифт.

Ҷаҳонҷӯй дар зери пӯлод буд,
Ба хафтон-ш - бар тир чун бод буд.

Бароҳехт Руҳҳом гурзи гарон,
Ғамӣ шуд зи пайкор дасти сарон.

Набуд коргар гурз бар тарги ӯй,
Агарчанд меҷуст худ марги ӯй,

Ба гурзи гарон даст бурд Ашкбӯс,
Замин оҳанин шуд, сипеҳр обнӯс.

Бизад гурз бар тарги Руҳҳоми гурд,
Кулаҳхӯди ӯ гашт з-он захм хурд.[4]

---

1. ИЛ- Бишуд тез Руҳҳом бо хӯду кабр,
Ҳаме гарди разм андаромад ба* абр.
Баровехт Руҳҳом бо Ашкбӯс,
Баромад зи ҳарду сипаҳ бӯқу кӯс.
* И-Ҳаме бархурӯшид бар сони.
2. М-Пас аз б. 1267 ин б. омада:
Камоне, ки будӣ зеҳ аз чарми шер,
Ба чанг андароварду омад далер.
3. ИЛ-б. 1368 нест.
4. ИЛ-б. 1374 нест.

www.sattor.com

Чу Руҳҳом гашт аз Кашонӣ сутӯҳ,
Бупечид аз ӯ рӯю шуд сӯи кӯҳ.

Зи қалби сипоҳ андарошуфт Тус,
Бизад асп, к-ояд бари Ашкбӯс.

Таҳамтан барошуфту бо Тус гуфт,
Ки «Руҳҳомро ҷоми бода-ст ҷуфт.

Ба май-дар[1] ҳаме[*2] теғбозӣ кунад,
Миёни ялон сарафрозӣ кунад.

Куҷо шуд кунун рӯи чун сандарус,
Саворе набуд камтар аз Ашкбӯс.

Ту қалби сипаҳро ба оин бидор,
Ман акнун пиёда кунам корзор».

Камонро ба зеҳ-бар ба бозу фиканд,
Ба банди камар-бар бизад тир чанд.[3]

Хурӯшид, к-«Эй марди ҷангозмой,
Ҳамовардат омад, марав боз ҷой».

Кашонӣ бихандиду хира бимонд,
Инонро гарон карду ӯро бихонд.

Бад-ӯ гуфт хандон, ки «Номи ту чист?
Тани бесаратро[4] кӣ хоҳад гирист?»

---

1. И-сар-бар.
2. М-Ба базм андарун.
3. ТП - Яке тир дар даст ранг обнус,
   Хиромиду омад бари Ашкбӯс.
4. И-Ки бе-тан саратро.

www.sattor.com

Таҳамтан бад-ӯ гуфт, к-«Эй шумтан,
Чӣ пурсӣ ту номам дар ин анҷуман?[1]

Маро моми ман ном марги ту кард,
Замона маро путки тарги ту кард».

Кашонӣ бад-ӯ гуфт: «Бе борагӣ
Ба куштан диҳӣ тан ба якборагӣ».

Таҳамтан чунин дод посух бад-ӯй,
Ки «Эй беҳуда марди пархошҷӯй,

Пиёда надидӣ, ки ҷанг оварад,
Сари саркашон[2] зери санг[3] оварад?

Ба шаҳри ту шеру палангу наҳанг
Савор андароянд ҳар се ба ҷанг?

Ҳам акнун туро, эй набарда савор,
Пиёда биёмӯзамат корзор.

Пиёда маро з-он фиристод Тус,
Ки то асп бистонам аз Ашкбӯс.

Кашонӣ пиёда шавад ҳамчу ман,
Бад-ӯ рӯйхандон шаванд[4] анҷуман.

Пиёда беҳ аз чун ту сесад[5] савор
Бар ин дашту ин рӯзу ин корзор».

1. ЛИМ - Таҳамтан чунин дод посух, ки ном
Чӣ пурсӣ, ки ҳаргиз набинӣ ту ком.
2. И-Душманон.
3. Л-чанг.
4. Бар ин рӯз хандон шаванд.
5. ИЛ-бошад.

www.sattor.com

Кашонӣ бад-ӯ гуфт: «Куят силеҳ,
Набинам ҳаме ҷуз фиребу[1] мазеҳ?»

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Тиру камон
Бубинӣ, к-ат акнун сар орад[2] замон».

Чу нозаш ба аспи гаронмоя дид,
Камонро ба зеҳ карду андаркашид.

Яке тир зад бар бари[3] аспи ӯй,
Ки асп[4] андаромад зи боло ба рӯй.

Бихандид Рустам, ба овоз гуфт,
Ки «Биншин ба назди[5] гаронмоя ҷуфт.

Сазад гар бигирӣ сараш дар[6] канор,
Замоне баросоӣ аз корзор».[7]

Камонро ба зеҳ кард пас Ашкбӯс,
Тани[*8] ларз-ларзону рух сандарус.

Ба Рустам ба он гаҳ[*9] биборид тир,
Таҳамтан бад-ӯ гуфт бар хир-хир:[10]

«Ҳаме ранҷа дорӣ тани хешро,
Ду бозуву ҷони бадандешро».

1. ИЛ-фусуну.
2. Л-ки акнун сар омад.
3. И-сари.
4. И-Савор.
5. ИЛ-пеши.
6. Л-бидорӣ сараш бар.
7. ТПЗ- Ки нозиданат буд бо ӯ басе,
Надорад чу ту низ ӯ ҳам касе.
8. М-танаш.
9. М-Ба бабри баён-бар.
10. Л-хира-хир.

www.sattor.com

Таҳамтан ба банди камар бурд чанг,
Гузин кард як чӯба тири[1] хаданг.[2]

Ҳаданге баровард пайкон чу об,
Ниҳода бар ӯ чор парри уқоб.

Бимолид чочикамонро ба даст,
Ба чарми гавазн андаровард шаст.

Сутун кард чапрову хам кард[3] рост,
Хурӯш аз хами чархи чочӣ бихост.[4]

Чу сӯфораш омад ба паҳнои гӯш,
Зи чарми гавазнон баромад хурӯш.

Чу пайкон бибӯсид ангушти ӯй,
Гузар кард аз мӯҳраи пушти ӯй.[5]

Чу зад тир бар синаи Ашкбӯс,
Сипеҳр он замон дасти ӯ дод бӯс.

Қазо гуфт: «Гир»-у қадар гуфт: «Деҳ!»
Фалак гуфт: «Аҳсан», малак[6] гуфт: «Зеҳ!»

Кашонӣ ҳам андар замон ҷон бидод,
Ту гуфтӣ, ки ӯ худ[7] зи модар назод.

Назора бар эшон дурӯя сипоҳ,
Ки карданд пайкори гурдон нигоҳ.

1. Л-тири дигар.
2. И - Бимолид Рустам камонро ба чанг,
Нигаҳ кард он гаҳ ба тири хаданг.
3. Л-чаппу хам овард.
4. И-б. 1405-1407 нест.
5. И-б. 1409 нест.
6. Л-аҳсанту маҳ.
7. И-Чунон шуд, ки гуфтӣ.

www.sattor.com

Нигаҳ кард Комусу хоқони Чин
Бад-он бурзу болову он зӯру кин.

Чу баргашт Рустам, ҳам андар замон
Саворе фиристод хоқон дамон,

К-аз он номвар тир берун кашид,
Ҳама тир то пар-ш[1] дар хун кашид.

Миёни сипаҳ тир бугзоштанд, [2]
Мар он тирро[3] найза пиндоштанд.

Чу хоқони Чин парру пайкони тир-
Нигаҳ кард, барно дилаш гашт пир.

Ба Пирон чунин гуфт, к-«Ин мард кист?
Зи гурдони Эрон варо ном чист?

Ту гуфтӣ, ки «Лахте фурӯмояанд,
Зи гарданкашон камтарин пояанд».

Кунун найза бо тири эшон якест,
Дили кӯҳ дар ҷангашон андакест.

Ҳаме хор кардӣ саросар сухун,
Ҷуз он буд, ки гуфтӣ зи сар то ба бун».

Бад-ӯ гуфт Пирон, к-«Аз эронсипоҳ
Касеро надонам бад-ин пойгоҳ.

Куҷо тири ӯ бугзарад бар дарахт,
Надонам чӣ дорад ба дил шӯрбахт.

1. ИЛ-парр.
2. И-Ҳама лашкар он тир бардоштанд.
3. ИМ-Саросар ҳама.

www.sattor.com

Аз эрониён Геву Тусанд мард,[1]
Ки бо фарру бурзанду бо дастбурд.[2]

Дар овард Ҳумон басе пеши Тус,
Ҷаҳон кард бар гунаи обнус.

Ба Эрон надонам, ки ин мард кист?
В-аз ин лашкар ӯро ҳамовард кист?

Шавам, то бипурсам ба пардасарой,
Биёрем[3] ноком[4] номаш ба ҷой».

ПУРСИДАНИ ПИРОН АЗ ОМАДАНИ РУСТАМ

Биёмад пурандешаву рӯйзард,
Бипурсид аз он номдорони мард.[5]

Ба Пирон чунин гуфт Ҳумони гурд,
Ки «Душман надорад хирадманд хурд.

Бузургони Эрон кушодадиланд,
Ту гӯӣ, ки оҳан ҳаме бугсиланд.

Кунун то биёмад аз Эрон сипоҳ,
Ҳаме бархурӯшанд аз он размгоҳ».

Бад-ӯ гуфт Пирон, ки «Ҳарчанд ёр
Биёяд бари Тус аз Эрон савор.

---

1. Л-гурд.
2. Л-дастбурд.
3. ИЛ-биёранд.
4. И-ночор.
5. ТПЗ- Ки ин номдори пиёда кӣ буд,
К-аз он гуна омад набард озмуд?
Ҳамоно ки Рустам бад-ин размгоҳ
Ба ёрӣ биёмад зи наздики шоҳ.

www.sattor.com

Чу Рустам набошад, аз ӯ[1] бок нест,
Зи Руҳҳому Гургин дилам[2] чок нест.

Чунон дон, ки ҷангӣ ҷуз[3] аз Тус нест,
Фарибурзу Гургин чу Комус нест.[4]

Сипаҳро чу разми гарон аст пеш,
Биҷӯянд ҳар як бад-ин номи хеш».

В-аз он ҷойгаҳ назди Комус тафт
Ба наздики Маншуру Фартус рафт.

Чунин гуфт, к-«Имрӯз разми бузург
Бирафту падид омад аз меш гург.

Бубинед, то чораи кор чист,
Бар ин хастагиҳо пурозор[*5] кист».

Бад-ӯ[6] гуфт Комус, к-«Имрӯз ҷанг
Чунон буд, ки ном андаромад ба нанг.

Ба разм-андарун кушта шуд Ашкбӯс
В-аз он шодмон шуд дили Геву Тус.

Дилам з-ин пиёда ба ду ним шуд,[*7]
К-аз ӯ лашкари мо пур аз бим шуд.[*8]

Ба болои ӯ бар замин мард нест,
Дар ин[*9] лашкар ӯро ҳамовард нест.

1. И-наёмал маро; Л-варо.
2. Л-Гургин маро дил ба ду.
3. ИЛ-ҷангитар.
4. И-ҳарду якест.
5. М-Ва эрониёнро ҳамовард.
6. ИЛ-Чуншин.
7. М-гашт.
8. М-гашт.
9. М-Ва аз.

www.sattor.com

Камонаш ту дидиву тир эдар аст,
Ба нерӯ зи шери[1] жиён бартар аст.

Ҳамоно, ки он сагзии чангчӯй,
Ки чандон[*1] ҳаме баршумурдӣ ту з-ӯй.

Пиёда бад-ин размгоҳ омадаст,
Ба ёрии эронсипоҳ[2] омадаст».

Бад-ӯ гуфт Пирон, ки «Ӯ дигар аст,
Саворе сарафрозу[3] кундовар аст».

Бипурсид пас[4] марди бедордил,
Куҷо баста буд андар он кор дил,

Ки баргӯй бо ман,[*5] ки «Он шермард
Чӣ гуна хиромад ба дашти набард?

Зи болову[6] зӯраш[*7] чӣ дорӣ нишон,
Чӣ гӯяд ба овард бо саркашон?

Чӣ гуна-ст мардиву дидори ӯй,
Чӣ гуна шавам ман ба пайкори ӯй?

Гар эдун, ки ӯяст, к-омад зи роҳ,
Маро рафт бояд ба овардгоҳ».

Бад-ӯ гуфт Пирон, ки «Ин худ мабод,
Ки ӯ эдар ояд[*8], кунад разм ёд.

---

1. ИМ-пили зи пили.
2. Л-ёрӣ зи наздики.
3. Л-сарафроз.
4. И-аз ӯ.
5. – моро.
6. ИЛ-бозуву.
7. М-рӯяш.
8. М – бо ӯ саворе.

www.sattor.com

Яке мард бинӣ чу сарви саҳӣ,
Ба дидор бо зебу бо фарраҳӣ.

Басо размгоҳон, ки Афросиёб
Аз ӯ гашт печону[1] дида пуроб.

Яке размсозест[2] хусравпараст,
Нахуст ӯ барад сӯи шамшер даст.

Ба кини Сиёвуш кунад корзор,
Куҷо ӯ бипарвардаш андар канор.

Силеҳи варо барнатобад касе,
Кунад озомоиш зи гурдон[3] басе.

Ба разм-андарун чун бубандад миён,
Танаш зӯр дорад чу шери жиён.

Набаргирад аз ҷой гурзаш наҳанг,
Агар бифканад бар замин рӯзи ҷанг.

Зеҳе бар камонаш - бар аз чарми шер,
Яке тиру пайкони ӯ даҳ ситер.

Агар санги хоро ба чанг оядаш,
Шавад мум в-аз мум нанг оядаш.

Ба разм андарояд, бипӯшад зиреҳ,
Яке ҷавшан аз бар бубандад гиреҳ.

Яке ҷома дорад зи чарми паланг,
Бипӯшад ба бар, андарояд ба ҷанг.

1. И-Гашта бечора.
2. И-номдорест.
3. И-Зи мардон кунад озмоиш.

www.sattor.com

Ҳаме ном бабри баён хонадаш,
Зи хафтону ҷавшан фузун донадаш.

Насӯзад бар оташ, на бар об тар
Шавад, чун бипӯшад барояд-ш пар.

Яке Рахш дорад ба зер - андарун,
Ки гӯӣ равон шуд куҳи Бесутун.

Наёромад аз бонг ҳангоми ҷанг,
Ҳаме оташ афрӯзад аз хоку санг.

Або ин шигифтӣ ба рӯзи набард,
Сазад, гар надорӣ ту ӯро ба мард.

Бар ин шоху ин ёлу бозуву кифт,
Ҳунарманд бошӣ, набошад шигифт».

Чу бишнид Комуси бисёрҳуш,
Ба Пирон супурд он замон чашму гӯш.

Ҳамоно, хуш омад-ш гуфтори ӯй,
Барафрӯхт з-ин кор бозори ӯй.

Ба Пирон чунин гуфт, к-«Эй паҳлавон,
Ту бедордил бошу равшанравон.

Бубин, то чӣ хоҳӣ зи савганди сахт,
Ки хӯрданд шоҳони бедорбахт.

Хурам ман кунун з-он фузун пеши ту,
Ки равшан шавад з-он дили реши[1] ту,

Ки зин барнадорам ман аз пушти бӯр,
Ба нерӯву зӯри худованди[*2] ҳур.

---

1. ИЛ-дилу кеши.
2. М-нерӯи Яздону кайвону.

www.sattor.com

Магар ҷони[1] ту шоду равшан кунам,
Бар эшон[*2] ҷаҳон чашми сӯзан кунам».

Басе офарин хонд Пирон бад-ӯй,
Ки «Эй шоҳи бинодили ростгӯй,

Ба коми ту гардад ҳама кори мо,
Намондаст бисёр пайкори мо».

В-аз он ҷойгаҳ гирди лашкар бигашт,
Ба ҳар пардаву хаймае баргузашт.

Бигуфт ин сухан пеши хоқони Чин,
Ҳаме гуфт бо ҳар касе[3] ҳамчунин.

ЛАШКАР ОРОСТАНИ ТУРОНИЁН ВА ЭРОНИЁН

Зи хуршед чун шуд ҳаво лаълфом,
Шаби тира бар чарх бугзорд гом.

Далерони лашкар шуданд анҷуман,
Ки буданд донову шамшерзан.

Ба хиргоҳи[4] хоқони Чин омаданд,
Ҳама дил пур аз разму кин омаданд.

Чу Комуси пилафкани[*5] шермард,
Чу Маншури ҷангӣ-сипеҳри набард.

1. ИМ-бахти.
2. М-Эрон.
3. И-анӯша бизӣ.
4. И-даргоҳи.
5. М-Мардафкану.

www.sattor.com

Шамирони Шугниву[1] Шангул зи Ҳинд,
Зи Сақлоб чун Кундуру шоҳи Синд.[2]

Басе[3] рой зад размро ҳар касе,
Аз[4] Эрон сухан гуфт ҳар кас басе.[5]

В-аз он пас бар он рояшон шуд дуруст,
Ки яксар ба хун даст боист шуст.

Бирафтанд яксар[*6] ба ороми хеш,
Ба хайма бибуданд бо коми хеш.

1490 Чу борику хаммида шуд пушти моҳ,
Зи торик зулфи шабони сиёҳ.

Ба наздики хуршед чун шуд дуруст,
Баромад пур аз обу рухро бишуст,

Сипоҳи ду лашкар баромад ба ҷӯш,
Ба чархи баланд андаромад хурӯш.

Чунин гуфт хоқон, ки «Имрӯз ҷанг
Набояд, ки бошад чу дӣ бо диранг.

Гумон бурд бояд, ки Пирон набуд,
Ки[7] бе ӯ нашояд набард озмуд.

1. Л-Шикнӣ.
2. ТПЗ- Каҳори Каҳонӣ савори далер,
Дигар Чингиш он номбардори шер.
Бузургони Турон, сарони Хутан
Ҳама пеши хоқон шуданд анҷуман.
3. ЛМ-Ҳаме.
4. Л-В-аз.
5. И-б. 1486, 2487 нест.
6. М-ҳар як.
7. Л-На.

www.sattor.com

Ҳама ҳамгинон размсоз омадем,
Ба ёрӣ зи роҳи дароз омадем.

Гар имрӯз чун дӣ диранг оварем,
Ҳама номи мардӣ[1] ба нанг оварем.

Ва дигар, ки фардо зи Афросиёб
Сипос андарорему ҷӯем[2]*[3] хоб.

Яке разм бояд, ҳама ҳамгурӯҳ
Шудан пеши лашкар ба кирдори кӯҳ.

Зи даҳ кишвар эдар сарафроз ҳаст,
Ба хобу ба хӯрдан нашояд нишаст».

Бузургон зи ҳар ҷой бархостанд,
Ба хоқони Чин хоҳиш оростанд,

Ки «Бар лашкар имрӯз фармон туростُ,
Ҳама кишвари Чину туркон турост.

Як имрӯз бингар бар ин ҷойгоҳ,[4]
Ки шамшер борад зи абри сиёҳ».

В-аз ин рӯй Рустам ба эрониён
Чунин гуфт, к-«Акнун сар омад замон.

Агар кушта шуд з-ин сипоҳ андаке,
Нашуд бешу кам аз ду-се сад яке.

Чунин яксара дил мадоред танг,
Нахоҳам тани зинда бе ному нанг.

1. ЛМ-Номҷустан.
2. Л-андар ором ҷӯему хоб.
3. М-гирем.
4. ИЛ-размгоҳ.

www.sattor.com

Ҳама лашкари турк аз Ашкбӯс
Бирафтанд рухсора чун обнӯс.

Ҳама яксара дил пур аз кин кунед,
Саворон бурӯҳо пур аз чин кунед,

Ки ман Рахшро бастам имрӯз наъл,
Бар ӯ кард хоҳам ба хун теғ лаъл.

Бисозед, к-имрӯз рӯзе нав аст,
Замин сар ба сар ганҷи Кайхусрав аст.

Миёнро бубандед дар корзор,
Ҳама тоҷ ёбед бо гӯшвор.

Зи ман бадраву ҳадяи зобулӣ-
Биёбеду ҳам шораи кобулӣ».[1]

Бузургон бар ӯ хонданд офарин,
Ки «Бе ту мабодо кулоҳу нигин!»[2].

Бипӯшид Рустам силеҳи набард,
Ба овардгаҳ рафт бо дорубард.

Зиреҳ зер буд, ҷавшан андар миён,
Ба боло бипӯшид бабри баён.

Зи пӯлоди[3] Чин тарг бар[*4] сар ниҳод,[5]
Ҳаме кард бадхоҳаш аз марг ёд.

---

1. Л-б. 1511 нест.
2. ТПЗ - Ҷаҳонпаҳлавониву мо бандаем,
   Зи ту эминему ба ту зиндаем.
3. Л-фӯлоди.
4. М-Гаронмоя миғфар.
5. И-Гаронмоя миғфар ба сар барниҳод.

www.sattor.com

Ба фармуди[1] Яздон миёнро бубаст,
Нишаст аз бари Рахш чун пили маст.

Зи болои ӯ осмон хира гашт,
Замин аз паи аспи[*2] ӯ тира гашт.

КУШТА ШУДАНИ АЛВО БА ДАСТИ КОМУС

Баромад зи ҳарду сипаҳ бӯқу кӯс,
Намонд эч роҳи[3] фусуну фусӯс.[4]

Ҳаме[5] ларз-ларзон шуда дашту кӯҳ,
Замин шуд зи наъли сутурон[6] сутӯҳ.

1520 Аз он рӯй Комус бар маймана,
Паси пушти ӯ жандапилу буна.

Абар майсара лашкаророи Ҳинд,
Зиреҳдору дар чанг румӣ паринд.

Ба қалб-андарун ҷои хоқони Чин
Шуда осмон тору ҷунбон замин.

В-аз ин рӯ Фарибурз бар майсара -
Чу хуршеди тобон зи[7] бурҷи бара.

Сӯи[8] маймана пури Кашвод буд,
Нуҳуфта танаш[9] зери пӯлод[10] буд.

1. ИЛ-фармони.
2. М-Рахши.
3. И-касро.
4. ТПЗ - Ту гуфтӣ, ки дарё ба мавҷ - андар аст,
   Уқоби аҷал сӯи авҷ - андар аст.
5. Л-Ҳама.
6. Л-омад аз наъли аспон.
7. ИЛ-ба.
8. ИМ-Абар.
9. И-Ки китфаш ҳама.
10. Л-фӯлод.

www.sattor.com

Ба қалб - андарун Туси Нӯзар ба пой,
Ба пеши сипаҳ кӯс бо каррной.

Баромад зи ҳар сӯи лашкар хурӯш,
Ҳаме пилро з-он бидаррид гӯш.

Ҳаме дуди оташ баромад зи об,
Набинад чунон ҷанг[1] ҷангӣ ба хоб.

Нахустин, ки омад миёни ду саф,
Зи хуни ҷигар бар лаб оварда каф.

Сипаҳбад сарафроз Комус буд,
Ки бо лашкару пилу бо кӯс буд.

Ҳаме бархурӯшид чун пили маст
Яке гурзаи говпайкар ба даст[2],

Ки «Он ҷангҷӯи пиёда куҷост,
Ки аз номдорон ҳаме разм хост?

Кунун гар биёяд, бубинад камон,
Ба тиру камонаш сарояд замон.

Варо дида буданд гурдони нев,
Чу Туси сарафрозу Руҳҳому Гев.

Касеро наёмад ҳаме разм рой,
Зи гурдони Эрон тиҳӣ монд ҷой,

Ки бо ӯ касеро набуд пои ҷанг,
Саворон чу оҳуву ӯ чун паланг».

---

1. ИМ-разм.
2. ТПЗЛ - Чу омад ба майдон, забон баркушод,
Ба гурдони гарданкаш овоз дод.

www.sattor.com

Яке Зобулӣ буд, Алво ба ном,
Сабук теғи кин баркашид аз ниём.

Кучо найзаи Рустам ӯ доштӣ,
Паси пушти ӯ ҳеч нагзоштӣ.[1]

Басе ранҷ бурда ба кори инон,
Биёмӯхта тиру гурзу синон.

Ба ранҷу ба сахтӣ ҷигар сӯхта,[*2]
Зи Рустам ҳунарҳо биёмӯхта.[3*4]

Чӣ гуфт он сухангӯи донои пир,
Сухан чун аз ӯ бишнавӣ, ёд гир.[5]

Машав ғарра[6] з-оби ҳунарҳои хеш,
Нигаҳ дор бар ҷойгаҳ пои хеш.

Чу чашма бари жарфдарё[7] барӣ,
Ба девонагӣ монад ин доварӣ.[8]

Чу Алвой оҳанги Комус кард,
Ки ҷӯяд ба нóвард бо ӯ набард,

---

1. И-б. 1537 нест.
2. М-сӯхта буд.
3. ТПЗ - Шуд, оҳанги оварди Комус кард,
   Ки аз вай барорад бар овард гард.
   Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Ҳушёр бош,
   Ба оварди ин гурд бедор бош».
4. М-биёмӯхта буд.
5. И-б. 1540 нест.
6. Л-гарқа.
7. И- Чу ту чашмаро сӯи дарё.
8. ТПЗ- Макун такя бар гурзу кӯполи худ,
   Бидузд аз каманди ялон ёли худ.
   Ҳамоварди худ ҳамчу худ баргузин,
   Ба хира маёрой тундӣ бар ин.

www.sattor.com

Ниҳоданд овардгоҳе бузург,
Кашонӣ биёмад ба кирдори гург.

Бизад найзаву баргирифташ зи зин,
Бияндохт осон ба рӯи замин.

Инонро гарон карду ӯро ба наъл,
Ҳаме гуфт, то хок аз ӯ гашт лаъл.

КУШТА ШУДАНИ КОМУС БА ДАСТИ РУСТАМ

Таҳамтан зи Алво бишуд дардманд,
Зи фитрок букшод печон каманд.

Чу оҳанги ҷанги ялон доштӣ,
Камандеву гурзе гарон доштӣ.

Биёмад, биғуррид чун пили маст,
Каманде ба бозуву гурзе ба даст.

Бад-ӯ гуфт Комус «Чандин мадам
Ба нерӯи ин риштаи шастхам».

Чунин дод посух мар ӯро,[1] ки «Шер
Чу нахчир бинад, биғуррад далер.

Нахустин бар ин кин ту бастӣ камар
В-аз Эрон бикуштӣ яке номвар.

Ҳаме ришта хонӣ каманди маро,
Бубинӣ кунун танг[2] банди маро.

Замона туро, эй кашонӣ, биронд,
Чу эдар будат хок, ҷое намонд».

1. ИЛМ-посух овард Рустам.
2. ИЛ-тангу.

www.sattor.com

Барангехт Комуси ҷангӣ саманд,
Ҳамоварди ӯ пил буд бо каманд.

Дарандохт теғи парандоварaш,
Ҳаме хост аз тан гусистан сараш.

Сари теғ бар гардани Рахш х(в)ард,
Бибуррид баргустувони набард.

Наёмад тани аспро[1]*[2] з-он газанд,
Гави пилтан ҳалқа кард он каманд.

Бияндохт в-афкандаш андар миён,
Барангехт аз ҷой пили жиён.

Ба рон андароварду кардаш дувол,
Уқобе шуда Рахши бопарру бол.

Савор аз далерӣ бияфшурд рон,
Сабук шуд инону рикебаш гарон.

Ҳаме хост, к-он хом хамми каманд
Ба нерӯи тан бугсалонад зи банд.

Шуд аз ҳуш Комусу нагсаст хом,
Гави пилтан Рахшро кард ром.

Инонро бупечиду ӯро зи зин.
Нагун андарафканду[3] зад бар замин.

Биёмад бубасташ ба хамми каманд,
Бад-ӯ гуфт: «Акнун шудӣ бегазанд.

1. ИЛ-Рахшро.
2. М-Рахшро.
3. Л-оварду.

www.sattor.com

Зи ту тунбалу ҷодуӣ дур гашт,
Равонат бари дев муздур гашт.[1]

Ду даст аз паси пушт басташ чу санг,
Ба хамми каманд андарафканд чанг.

Пиёда биёмад ба эронсипоҳ,
Ба зери каш-андар тани кинахоҳ.

Ба гурдон чунин гуфт, к-«Ин размҷӯй
Зи бас зӯри кин андаромад ба рӯй.

Чунин аст расми сарои фиреб,
Гаҳе бар фарозу гаҳе бар нишеб.

Аз ӯ шодмонӣ в-аз ӯ мустаманд,
Гаҳе бар замин, гаҳ ба абри баланд.

Кунун ин сарафроз марди далер,
Ки будӣ ҳамеша ҳамоварди шер,[*2]

Ба Эрон ҳаме шуд, ки вайрон кунад,
Бару буми мо ҷои шерон кунад.

Ба Зобулситону ба Кобулситон
На айвон бувад низу[*3] на гулситон,

Наяндозад аз даст кӯполро,
Магар гум кунад Рустами Золро.[4]

Кафан шуд кунун миғфару ҷавшанаш,
Зи хок афсару гӯр пероҳанаш.

---

1. ТПЗ - Сар омад ба ту бар ҳама разму кин,
Набинӣ дигар раҳ кашониву Чин.
2. М-Набудӣ ҳамоварди ӯ наррашер.
3. М-Намонад на айвону на.
4. И-Бидаррад зи ҷанговарон болро.

www.sattor.com

Шуморо ба куштан чӣ гуна-ст рой,
Ки шуд кори Комуси ҷангӣ зи пой?

Бияфканд бар хок пеши сарон,
Зи лашкар бирафтанд кундоварон.

Танашро ба шамшер карданд чок,
Ба хун ғарқа шуд зери ӯ сангу хок.

Чунин аст расми сипеҳру замон,
Гаҳе бо ғаму дарду гаҳ шодмон.

Ҳама дарду ранҷ асту тимору ғам,
Ба мардӣ набошад туро бешу кам.

Танат зери бори гуноҳ-андар аст,
Равонат ба тимори ҷоҳ-андар аст.[1]

Ба мардӣ набояд шудан дар гумон,
Ки бар ту дароз аст дасти замон.

Ҳаме то тавонӣ, ба некӣ гирой,
Ситоиш кун ӯро, ки шуд раҳнамой.

Ба поён шуд ин разми Комуси гурд,
Ҳаме шуд, ки ҷон оварад, ҷон супурд.

Кунун разми хоқони Чин оварем,[*2]
Ҳамон расми мардиву кин оварем.[3*4]

1. И-б. 1580-1582 нест.
2. М-оварам.
3. И-б. 1584-1586 нест.
4. М- Ялонро бад ин дашти кин оварам.

www.sattor.com

ДОСТОНИ РУСТАМ БО ХОҚОНИ ЧИН

ХАБАР ЁФТАНИ ХОҚОН АЗ КУШТА ШУДАНИ КОМУС

Кунун, эй хирадманди равшанравон,[*1]
Ба ҷуз номи Яздон магардон забон,[*2]

Ки ӯяст бар некуӣ раҳнамой,
Аз ӯяст гардуни гардон ба ҷой.[3]

Ҳаме бугзарад бар ту айёми ту,
Сарое ҷуз ин бошад ороми ту.

Бибошӣ бар ин гуфта ҳамдостон,
Ки деҳқон ҳаме гӯяд аз бостон.

Аз он пас хабар шуд ба хоқони Чин,
Ки шуд кушта Комус бар дашти кин,[4]

Кашониву Шукниву гурдони Балх,
Зи Комусашон тира шуд рӯзу талх.

Ҳама як ба дигар ниҳоданд рӯй,
Ки ин пурҳунар марди пархошҷӯй

Чӣ мард аст, ин мардро ном чист?
Ҳамоварди ӯ дар ҷаҳон мард кист?

Чунин гуфт Пирон ба Ҳумони шер,
Ки «Имрӯз ҷонам шуд аз разм сер.

---

1. М-Зи ман бишнав, эй марди равшанравон.
2. М- пеши.
3. ТПЗ- Кучо офарид ӯ равону хирад,
   Ситоиш ҷуз ӯро на андархӯрад.
4. И-б. 1-5 нест.

www.sattor.com

Далерони мо чун гузинанд ҷанг,
Ки шуд кушта имрӯз ҷангинаҳанг.

Ба гетӣ чун ӯ номдоре набуд,
В-аз ӯ пилтантар саворе набуд.

Чу Комус, к-ӯро ба хамми каманд
Ба овардгаҳ- бар тавон кард банд.

Сазад, гар сари пилро рӯзи кин
Бигирад, ҳаме барзанад бар замин».

Сипаҳ сар ба сар пеши хоқон шуданд,
Зи Комус пурдарду гирён[1] шуданд.[2]

Бар ӯ офарин кард Пирон ба дард,
Ки «Эй бартар аз гунбади лоҷвард,

Ту оғозу анҷоми ин размгоҳ
Шунидиву дидӣ ба назди[*3] сипоҳ.

Кунун чораи кори мо боз ҷӯй,
Ба танҳо тани хеш бо кас магӯй.

Ба лашкар нигаҳ кун зи[4] корогаҳон,
Касе, к-ӯ сухан бозҷӯяд ниҳон.

Бубинед, к-ин шердил мард кист,
В-аз ин лашкар ӯро ҳамовард кист?

В-аз он пас ҳама тан ба куштан диҳем,
Ба овардгаҳ сар бад-ӯ дарниҳем».

---

1. Л-бирён.
2. ТПЗ- Марову туро нест ҷои сухун,
Сари обро сӯи боло макун.
3. М-пой.
4. Л-ба.

www.sattor.com

Ба Пирон чунин гуфт хоқони Чин,
Ки «Худ дард аз ин асту тимор аз ин,

Ки то кист ин паҳлави пургазанд,
Кучо шер гирад ба хамми каманд.

Або он ки аз марг худ чора нест,
Раҳи[1] хоҳишу пурсишу ёра нест.

Зи модар ҳама маргро зодаем.
Ба ноком[*2] гардан бад-ӯ додаем.

Кас аз гардиши осмон нагзарад,
В-агар бар замин пилро бишкарад.

Шумо дил мадоред аз ӯ мустаманд,
Кучо кушта шуд зери хамми каманд.

Ман ӯро,[3] ки Комус аз ӯ шуд ҳалок,
Ба банди[*4] каманд андарорам ба хок.

Ҳама шаҳри Эрон кунам рӯди Об
Ба коми дили шоҳ[5] Афросиёб».

Зи лашкар басе[6] номвар гирд кард
Зи ханчаргузорону мардони мард[7]

1. И-Аз ӯ.
2. М- бе ком.
3. Л-онро.
4. М-хамми.
5. ИЛ-Хусрав.
6. И-Ҳаме.
7. И-ханчаргузорони рӯзи набард.

www.sattor.com

Чунин гуфт, к-«Ин марди ҷангӣ ба тир,[1]*[2]
Савори камандафкану гурдгир,

Нигаҳ кард бояд, ки ҷояш куҷост,
Ба гирди чапи лашкару дасти рост.

Ҳам аз шаҳр пурседу ҳам номи ӯй,
В-аз он*[3] пас бисозем фарҷоми ӯй[4]

РАФТАНИ ЧИНГИШ БА (ҶАНГИ) РУСТАМ

Саворе тануманди[5] хусравпараст
Биёмад, ба бар зад дар ин[6] кор даст,[7]

Ки Чингиш будаш ному ҷӯянда буд,
Далеру ба ҳар ҷой[8] пӯянда буд.

Ба хоқон чунин гуфт, к-«Эй сарфароз,
Ҷаҳонро ба меҳри ту омад ниёз.

Гар ӯ наррашер[9] аст,*[10] беҷон кунам,
Бад-он гаҳ, ки сар сӯи майдон[11] кунам.

Ба танҳо тани хеш ҷанг оварам,
Ҳама номи Эрон ба нанг оварем.

Аз ӯ кини Комус ҷӯям нахуст,
Пас аз марг номаш биёрам дуруст».

1. Л-чангии пир.
2. М-далер.
3. М-Ки аз ин.
4. И-б. 32 нест.
5. И-сарфарози.
6. И-ки бандад бар он.
7. Л-Ҳамезад бар ин кор бар сина даст.
8. И-ком.
9. Л-шери нарр.
10. М-Ҷаҳоне ба меҳри ту дорад.
11. И-Зи хунаш дили санг марҷон.

www.sattor.com

Бар ӯ офарин кард хоқони Чин,
Ба пешаш бибӯсид Чингиш замин.

Бад-ӯ гуфт: «Ар ин[1] кина боз оварӣ,
Сӯи ман сари бениёз оварӣ.

Бубахшам-т чандон гуҳарҳо зи ганҷ
К-аз он пас набояд кашидан-т ранҷ».

Ҳам он гоҳ[2] Чингиш барангехт асп,
Ҳаме тохт[3] бар сони озаргушасп.[4]

Чу наздики эрониён шуд ба ҷанг,
Зи таркаш баровард тири ходанг.

Чунин гуфт, к-«Ин ҷои ҷанги ман аст,
Сари номдорон ба чанги ман аст.

Камандафкан он гурди Комусгир,
Ки гоҳе каманд афканад, гоҳ тир.

Кунун гар биёяд ба овардгоҳ,
Тиҳӣ монад аз ҷои[5] ӯ ҷойгоҳ».

Ҳаме рафт ҳар сӯ зи чаппу зи рост,
Ҳаме гуфт, к-он шери[*6] ҷангӣ куҷост.[7]

Биҷунбид бо гурз Рустам зи ҷой,
Ҳамон гаҳ ба Рахш андаровард пой.

---

1. И-гар.
*3 М-шери шарзст.
2. ИЛ-Аз он дошт.
3. ИЛ-Ҳаме рафт.
4. ТПЗ - Чу бишнид гуфтори хоқони Чин,
Барафканд аз хашм абру ба чин.
5. Л-қадди.
6. М-марди.
7. ИЛ_б. 47 нест.

www.sattor.com

«Манам, - гуфт, - гурдафкани шергир,[*1]
Каманду камон дораму гурзу тир.[*2]

Ҳам акнун туро ҳамчу Комуси гурд
Ба дида ҳаме хок бояд ситурд».[3]

Бад-ӯ гуфт Чингиш, ки «Номи ту чист?
Нажодат кадом асту коми ту чист?

Бад- он[4] то бидонам, ки рӯзи набард
Киро рехтам хун, чу бархост гард».

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Эй шӯрбахт,
Ки ҳаргиз мабодо гули он дарахт![5]

Куҷо чун ту дар боғ бор оварад,
Чунин мева андар шумор оварад.

Сари найзаву номи ман марги туст,
Кафан бегумон ҷавшану тарги туст».[6]

Биёмад ҳамон гоҳ Чингиш чу бод,
Ду зоғи камонро ба зеҳ барниҳод.

Камони ҷафопеша чун абр буд,
Ҳамовард бо ҷавшану кабр буд.

Бад-ӯ гуфт: «Бош, эй савори далер,
Ки гардад, кунун ҷонат[7] аз ҷанг сер».

1. М-шеравжану тоҷбахш.
2. М-тиру Рахш.
3. Л-наъл бояд шумурд.
4. Л-бигӯ.
5. Л-туро кому бахт
6. И-Саратро бибояд зи тан даст шуст; ЛМ-Танатро бибояд зи сар даст шуст.
7. ИМ-акнун сарат гардад.

www.sattor.com

Сипар бар сар овард Рустам, чу дид,
Ки тираш зиреҳро бихоҳад дарид.

Нигаҳ кард Чингиш бар он пилтан,
Ба болои[*1] сарви саҳӣ бар чаман.

Бар он аспи чун кӯҳ дар зери кӯҳ
Наёмад ҳаме аз кашидан сутӯҳ.

Ба дил гуфт Чингиш, ки акнун гурез
Бувад беҳ, ки бо[1] хеш кардан ситез.

Барангехт он боркашро зи ҷой,
Гурезон сӯи лашкараш[2] кард рой.

Ба кирдори оташ диловар савор
Барангехт Рахш аз паси номдор.[3]

Чу пили жиён Рустам омад бад-ӯй,[4]
Ҳама дашт аз эшон пур аз гуфтугӯй.

Думи аспи нопоки Чингиш гирифт,
Ду лашкар бад-ӯ монд андар шигифт.

Замоне ҳаме дошт, то шуд ғамгин,[5]
Бизад хештанро сабук[6] бар замин.[7*8]

Бияфтод аз ӯ таргу зинҳор хост,
Таҳамтан варо кард бо хок рост.

1. ИМ_Беҳ аз бо тани.
2. ЛМ-Сӯи лашкари хештан.
3. Л-б. 63 нест.
4. ИМ-Ҳамон гоҳ Рустам расид андар ӯй.
5. ЛМ-ғамӣ.
6. И-Зи тангӣ бизад хештан.
7. ЛМ-замӣ.
8. М-боло чу.

www.sattor.com

Ҳамон гоҳ кардаш сар аз тан ҷудо,
Ҳама кому андеша шуд з-ӯ раҳо.

Ҳама номдорони Эронзамин
Гирифтанд бар паҳлавон офарин.

Ҳаме гашт Рустам миёни ду саф,
Яке хишти рахшон гирифта[1] ба каф.

ФИРИСТОДАНИ ХОҚОН ҲУМОНРО НАЗДИ РУСТАМ

В-аз он рӯй хоқон ғамӣ[2] гашт сахт,
Барошуфт бо гардиши шӯрбахт.

Ба Ҳумон чунин гуфт хоқони Чин,
Ки «Танг аст бар мо замону замин.

Магар номи он номвар паҳлавон
Шавӣ, боз ҷӯӣ ба равшан равон».[3]

Бад-ӯ гуфт Ҳумон, ки «Сандон наям,
Ба разм - андарун пилдандон наям.

Ба гетӣ чу Комуси ҷангӣ набуд,
Чунон размхоҳу дирангӣ набуд.

Ба хамми камандаш гирифт ин савор,
Ту ин гурдро хормоя мадор.

Шавам, то чӣ хоҳад ҷаҳонофарин,
Кӣ пирӯз гардад бар ин дашти кин».

1. И-Гирифта яке теғи рахшон.
2. Л-ғамин.
3. Л-чунон чун тавон.
*1 М-Пас он гаҳ бароварду зад бар замӣ.

www.sattor.com

Ба хайма даромад ба кирдори бод,
Яке тарги дигар[1] ба сар барниҳод.

Дурафши дигар ҷусту аспи дигар,
Дигаргуна ҷавшан, дигаргун сипар.

Биёмад, чу наздики Рустам расид,
Ҳаме буд, то ёлу шохаш бидид.

Ба Рустам чунин гуфт, к-«Эй номдор,
Камандафкани[2] гурду ҷангисавор,

Ба Яздон, ки безорам аз тахти шоҳ,
Агар чун ту дидам яке кинахоҳ.[3]

Чу ту сарваре з-ин сипоҳи бузург
Набинам, ҳаме номдори сутург.

Далере, ки чандин биҷӯяд набард,
Барорад ҳаме аз дили шер гард.[4]

Зи шаҳру нажоду зи ороми хеш
Сухан гӯю аз тухмаву номи хеш.

Ба ҷуз ту касеро аз эронсипоҳ
Надидам, ки дорад дили размхоҳ.

Маро меҳрубонист бо марди ҷанг,
Бавижа, ки дорад ниҳоди[5] паланг.

---

1. Л-румӣ.
2. ИЛ-Камандафкану.
3. ТПЗ- Кӣ бошад, ки бинад туро дар набард,
   Ки аз торакаш барнаёрӣ ту гард?
4. ТПЗ - Ту гӯӣ, ҳаме нанг дорӣ зи ҷанг,
   Бад-ин шермардиву чандин диранг.
5. И-нажоди.

www.sattor.com

Кунун гар бигӯӣ маро номи хеш,
Бару буму пайванду ороми хеш,

Сипосе бад-ин кор бар ман ниҳӣ,
К-аз андеша гардад дили ман тиҳӣ».

Чунин дод посух бад-ӯ паҳлавон,
Ки «Эй номвар гурди равшанравон,[1]

Чаро ту нагӯӣ ҳаме номи хеш,
Бару буму кишвар ва ороми хеш?[2]

Чаро омадастӣ ба наздики ман
Ба чарбиву нармиву чандин сухан?

Агар оштӣ ҷуст хоҳӣ ҳаме,
Бикӯшӣ, к-аз ин кин нахоҳӣ ҳаме.

Нигаҳ кун, ки хуни Сиёвуш кӣ рехт,
Чунон оташи кин ба мо-бар[3] кӣ бехт?[4]

Гунаҳкори ҳамчун[5] сари бегуноҳ,
Нигар, то ки ёбӣ зи туронсипоҳ.

Зи мардону аспони ороста,
К-аз Эрон биёвард бо хоста.

---

1. ИЛ- Бад-ӯ гуфт Рустам, ки чандин сухун,
Ки гуфтиву афкандӣ аз меҳр бун.
2. ТПЗ - Зи ному нишонам чӣ пурсӣ чунин,
Манам номдоре зи Эронзамин.
Ки аз Турку Чин кина хоҳам ба ҷанг,
Ҷаҳон тира созам ба пури Пашанг.
3. И-Чунин оташи тезу сӯзон.
4. ТПЗИЛ - Ҳамон хуни пурмоя гударзиён
Бияфзуд* чандин зиён бар зиён.
Бузургон, куҷо бо Сиёвуш буданд,
Накарданд пайкору хомуш буданд.
* Ки бифзуд.
5. И-хунбар.

www.sattor.com

Чу яксар[1] сӯи мо фиристод[2] боз,
Ман аз ҷанги туркон[3] шавам бениёз.

Аз он пас ҳама некхоҳи манед,
Саросар бар оину роҳи манед.

Натозам[4] ба кину наҷӯям набарад,
Наёрам сари саркашон зери гард.

В-аз он пас бигӯям ба Кайхусрав ин,
Бишӯям дилу мағзаш аз дарду кин.

Фиристам гунаҳкорро назди шоҳ,
Магар меҳраш ояд, бубахшад гуноҳ.[5]

Ба ту баршуморам кунун номашон,
Ки на номашон боду на комашон!

Сари кин зи*[6] Гарсеваз[7] омад нахуст,
Ки дарди дилу[8] ранҷи Эрон биҷуст.

Касеро, ки донӣ ту аз тухми Тур,
Ки бар хира карданд ин об шӯр.

Гурӯи Зиреҳ он ки аз кому дод
Назодасту ҳаргиз мабод ин нажод!

Ситам бар Сиёвуш аз эшон расид,
Ки з –ӯ омад ин банди бадро калид.

---

1. И-дигар.
2. И-фиристанд.
3. И-Тӯрон.
4. И-Насозам.
5. Л-б. 102 нест
6. М-фитна.
7. И-Гаршеваз.
8. И-дар дил ҳаме.

www.sattor.com

Касе к-ӯ дилу мағзи Афросиёб
Табаҳ карду хун ронд бар сони об.

Ва дигар касеро, к-аз эрониён
Набуд кину баст андар ин кин миён.

Бузургон, ки аз тухмаи Висаанд,
Дурӯянду бо ҳар касе песаанд.

Чу Ҳумону Лаҳҳоку Фаршедвард,
Чу Гулбоду Настеҳани шермард.

Агар ин ки гуфтам, ба ҷой оваред,[*1]
Сари киначустан ба пой оваред.[*2]

Бубандам дари кина бар кишварат,
Ба ҷавшан напӯшид бояд[3] барат.

В-агар ҷуз бар ин гуна гӯӣ[4] сухан,
Кунам тоза пайкору кини куҳан.

Ба ҷону сари Хусрави номдор,
Ки аз марзи Турон барорам димор.

На Шангул бимонад, на хоқони Чин,
На як тан зи гурдони Туронзамин.[5]

Маро озмудӣ бар ин размгоҳ,
Ҳамин аст расму ҳамин аст роҳ.

---

1. Гар ин гуфтаи ман ба ҷой оварӣ.
2. М-оварӣ.
3. И-Набояд ба ҷавшан нуҳуфтан.
4. И-В-ар эдун ҷуз ин гуна бошад.
5. ИЛ-б. 115, 116 нест.

www.sattor.com

Яке номдоре аз Эрон манам,
Ки хӯкарда бар[1] ҷанги шерон манам.

Басе сар ҷудокарда дорам зи тан,
Ки ҷуз хоки тира набудшон[2] кафан,

Бар ин гуна ҳаргиз нагуфтам сухун,
Ҷуз аз кин наҷустам зи сар то ба бун.

Кунун ҳар чӣ гуфтам, ҳама гӯш дор,
Суханҳои хуб андар оғӯш дор».

Чу бишнид Ҳумон, битарсид сахт,
Биларзид бар сони барги[3] дарахт,

К-аз он гуна гуфтори Рустам шунид,
Ҳама[*4] кина аз дудаи хеш дид.

Чунин посух овард Ҳумон бад-ӯй,
Ки «Эй шердил марди пархошҷӯй!

Бар ин зӯру ин бурзу болои ту
Сари тахти Эрон сазад ҷои ту.

Набошӣ ба ҷуз паҳлавони бузург[5]
Ва ё номдоре аз Эрон сутург.[6]

Бипурсидӣ аз гавҳару номи ман,
Ба дил дигар омад туро коми ман.

1. И-хӯкардаи.
2. И-набудаш.
3. Л-шохи.
4. М-Ҳаме.
5. И-сутург.
6. И-Дигар комгоре зи Эрон бузург.

www.sattor.com

Маро ном Кӯҳ аст, гурде далер,
Падар Бӯсипос аст, марде чу шер.

Ман аз дур бо ин сипоҳ омадам,
Сипоҳӣ бад-ин размгоҳ омадам.

Чу ному нажодам туро шуд дуруст,
Маро ҳам бибояд зи ту ном ҷуст.[1]

Аз он бозҷӯям ҳаме номи ту,
Ки пайдо кунам дар ҷаҳон коми ту.

Кунун гар бигӯӣ маро номи хеш,
Шавам шодмон[2] сӯи ороми хеш.

Сухан[3*4] ҳар чӣ гуфтӣ бад-ин размгоҳ,
Якояк бигӯям ба пеши сипоҳ,

Ҳамон пеши Маншуру хоқони Чин,
Бузургону гурдони Туронзамин».

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Номам маҷӯй,
Зи ман ҳар чи дидӣ, бад-эшон бигӯй.

Ба[5] Пирон маро дил бисӯзад ҳаме,
Дил аз меҳри ӯ барфурӯзад ҳаме.

Зи хуни Сиёвуш ҷигархаста ӯст,
Зи туркон яке марди оҳиста ӯст.

Сӯи ман фиристаш ҳам акнун дамон,
Бибинем, то бар кӣ[6] гардад замон».

---

1. ИЛ-б. 130 нест.
2. И-шоддил.
3. И-Ба ман.
4. М-Ҳама.
5. ЛМ-Зи.
6. Л-чӣ.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт Ҳумон, ки «Эй сарфароз,
Ба дидори Пиронат омад ниёз.

Чӣ донӣ ту Пирони Гулбодро,
Гурӯи Зиреҳрову Пӯлодро?»

Бад-ӯ гуфт: «Чандин чӣ пурсӣ[*1] сухун,
Сари обро сӯи боло макун.

Набинӣ, ки пайкори чандин сипоҳ
Зи баҳри ту аст андар ин размгоҳ».

РОЙ ЗАДАНИ ПИРОН БА ҲУМОН ВА ХОҚОН

Бишуд тез Ҳумон ҳам андар замон,
Шуда гуна аз рӯю ранг аз рухон.[2]

Ба Пирон чунин гуфт, к-«Эй некбахт,
Бад афтод моро аз ин кор сахт.

Чунин шердил Рустами Зобулист,[3]
Бад-ин лашкар акнун бибояд гирист.[4]

Сухан гуфту бишнид посух басе,
Ҳаме кард ёд аз бади ҳар касе.

Нахуст, эй бародар, маро ном бурд,
Зи кини Сиёвуш басе баршумурд.

Зи кори гузашта ҳаме кард ёд,
Зи вайрону обод в-аз кому дод.

---

1. М-гӯӣ.
2. И-рӯй омад дамон.
3. ТПИЛ- Ки Иблис бо ӯ натобад ба ҷанг
Ба хушкӣ палангу ба дарё наҳанг.
4. ИМ-Ту гӯӣ.

www.sattor.com

Зи Баҳром в-аз тухми гударзиён,
Зи ҳар кас, ки омад бад-эшон зиён,

Ба ҷуз бар ту бар кас надидам-ш меҳр,
Фаровон сухан гуфту букшод чеҳр.

Аз ин лашкар акнун туро хостаст,
Надонам, ки бар дил чӣ оростаст.

Бирав, то бубиниш найза ба даст,
Чу кӯҳе,[1] ки бар кӯҳ дорад нишаст.

Або ҷавшану гурзу бабри баён,
Ба зер-андарун жандапили дамон.[*2]

Бубинӣ, к-аз ин ман нагуфтам дурӯғ,
Ҳаме гирад оташ зи теғаш фурӯғ.

Туро то набинад, наҷунбад зи ҷой,
Зи баҳри ту мондаст з-он сон ба пой.[3]

Чу бишнид, бо вай сухан нарм гӯй,
Бараҳна макун теғу тундӣ маҷӯй».[4]

Чунин гуфт Пирон, ки «Эй сарфароз,
Битарсам, ки омад замонам фароз.[5]

---

1. ТП-пас аз б. 155 ин б. омада, дар «З» пас аз б. 160 оварда шудааст, ки ба назар дурусттар менамояд:

   Бигуфто, ки омад замонам ба сар
   Аз ин гурди ҷангиву пархошхар.
   Ба тундӣ чунин гуфт хоқони Чин:
   Машав суст, эй гурди Туронзамин.
   Ки ӯро тан аз оҳану санг нест,
   Ки моро ба оҳанги ӯ ҷанг нест.

2. М-Жиён.
3. Л-б. 156 нест.
4. И-б. 156,,157 нест.
5. И-Зовулист.

www.sattor.com

Гар эдун, ки ин теғзан Рустам аст,
Бар ин дашт моро гаҳи мотам аст.

Фитод оташ андар бару буми мо,
Надонам чӣ кард ахтари шуми мо».

Бишуд пеши хоқон пур аз оби чашм,
Ҷигархаставу дил пур аз доғу хашм.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй шоҳ тезӣ макун,
Ки акнун дигар гашт моро сухун.

Чу Комус, к-ӯро[1] сар омад замон,
Ҳамон гаҳ дили ман бибурд ин гумон,

Ки ин бораи оҳанин Рустам аст,
Ки хоми камандаш хам андар хам аст.

Чӣ Афросиёб ояд акнун, чӣ об,
Касе пушти ӯро набинад ба хоб.

Аз ӯ дев сер ояд андар набард,
Чи як мард пешаш, чи як дашт[2] мард.

Ба Зобулситон[3] чанд пурмоя буд,
Сиёвахшро он замон доя буд.

Падарвор бо дард ҷанг оварад,
Ҷаҳон бар ҷаҳонҷӯй танг оварад.

Маро хост з-ин[*4] бекарон анҷуман,
Надонам чӣ хоҳад зи мо пилтан.[5]

1. И-кайро.
2. И-бо ӯ чӣ як даста.
3. И-Зобулистон.
4. М-Ҷуст аз ин.
5. ИЛ-б. 168 нест.

www.sattor.com

Равам бингарам, то чӣ хоҳад ҳаме,
Ки аз ғам равонам бикоҳад ҳаме».

Бад-ӯ гуфт хоқон: «Бирав[1] пеши ӯй,
Сухан ҳар чӣ бояд, ҳама нарм[2]*[3] гӯй.

Агар оштӣ хоҳаду дастгоҳ,
Чӣ бояд бар ин дашт ранҷи сипоҳ?

Басе ҳадя бипзиру пас боз гард,
Сазад гар наҷӯем чандин набард.

Чу тан зери чарми паланг андар аст,
Ҳамоно, ки рояш ба ҷанг андар аст.

Ҳама яксара низ ҷанг оварем,
Бад-ӯ дашти пайкор танг оварем.

Ҳама пуштро[4] сӯи Яздон кунем,
Ба нерӯ бар ӯ разм чандон кунем[5].

Ҳам ӯро тан аз оҳану рӯй нест,
Ҷуз аз хуну аз гӯшт в-аз мӯй нест.

На андар ҳаво бошад ӯро набард,
Чӣ сӯзӣ дилатро ба тимору дард?

Чунон дон, ки ӯ сангу оҳан х(в)арад,
Ҳамон тиру ҷӯпин бар ӯ бугзарад.

1. И-ки бар.
2. И-Чунон чун бибояд сухан чарб.
3. М-Хуб.
4. И-рӯйро.
5. ТПЗ - Ки то дар тани мо бимонад равон
Гаҳе ҷонсупорему гаҳ ҷонситон.

www.sattor.com

Ба як[1] мард аз эшон зи мо сесад аст,
Бад-ин размгаҳ ғам кашидан бад аст.

Ҳамин зобулӣ номбардор мард,
Зи пиле фузун нест андар набард.

Яке пилбозӣ намояд бад-ӯй,
К-аз он пас наёяд барам ҷангҷӯй».

ОМАДАНИ ПИРОН НАЗДИ РУСТАМ

Ҳаме рафт Пирон пур аз дарду бим,[2]
Дил аз кори Рустам шуда бар ду ним.[3]

Биёмад[4] ба наздики Эронсипоҳ,
Хурӯшид, к-«Эй меҳтари размгоҳ![5]

Шунидам, к-аз ин лашкари бешумор[6]
Зи туркон маро кардаӣ хостор.

Хиромидан аз пеши он анҷуман
Бад-ин анҷуман, то чӣ хоҳӣ зи ман».

Чу огоҳ шуд Рустами сарфароз,
Ки омад зи туркон яке размсоз.

Ба наздики ӯ[7] шуд зи пеши сипоҳ,
Ниҳода ба сар-бар зи оҳан кулоҳ.

1. Л-Ба ҳар.
2. И-Пурозору дард.
3. И-Ба тан ларз-ларзону рухсора зард.
4. И-Чу омад.
5. И-размгоҳ.
6. И-номдор.
7. И-гав.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй турк, номи ту чист?
Бад-ин омадан рою коми ту чист?»[1]

Чунин дод посух, ки «Пирон манам,
Сипаҳдори он номдорон манам.

Зи Ҳумони Виса маро хостӣ,
Ба хубӣ забонро биёростӣ.

Дилам тез буд бо[*2] ту, эй паҳлавон,
Бигӯӣ кадомин зи номоварон?»[3]

Бад-ӯ гуфт: «Ман Рустами Зобулӣ,
Зиреҳпӯш,[*4] бо ханҷари кобулӣ»

Чу бишнид Пирон аз он сарфароз,
Фуруд омад аз аспу бурдаш намоз.

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Эй паҳлавон,
Дурудат зи хуршеди равшанравон.

Ҳам аз Хусрави номдори ҷаҳон,
Сарафроз шоҳу паноҳи меҳон,[5]

Ҳам аз модараш - духти Афросиёб,
Ки меҳри ту бинад ҳама шаб ба хоб».[6]

Бад-ӯ гуфт Пирон, ки «Эй пилтан,
Дурудат зи Яздону он анҷуман.

---

1. ТПЗМ - Гузини сипоҳи рад Афросиёб,
Сари паҳлавонони боҷоҳу об*
З ин б. пас аз б. 189 омадааст, ки ба назар дурусттар менамояд.
2. М-бар.
3. И-Кадомин зи гурдони кундоварон.
4. М-Або гурҷу.
5. Л-б. 195 нест.
6. И-б. 194-196 нест.

www.sattor.com

Зи некидиҳиш офарини ту бод,
Фалакро гузар бар нигини ту бод!

Зи яздон сипосу бад-ӯям паноҳ,
Ки дидам туро зинда бар ҷойгоҳ.

Завора, Фаромарзу Дастони Сом,
Ки ҳастанд бинодилу шодком,

К-аз эшон мабодо ҷаҳон бениёз,
Дурустанду шодондилу сарфароз?

Бигӯям туро, гар надорӣ гарон,
Гила кардани кеҳтар аз меҳтарон.

Зи[1] дида ҳаме об додам ба ранҷ,
Бад-ӯ буд маро зиндагониву ганҷ.

Маро з-ӯ кунун[2] ранҷ баҳр омадаст,
Бару[3] бор тарёку заҳр омадаст.

Сиёвуш маро чун падар доштӣ,
Ба пеши бадиҳо[4] сипар доштӣ.

Бидодам бад-ӯ кишвару духтарам,
Ки рахшанда гардад аз ӯ гавҳарам.

Ба зорӣ бикуштанд бо духтарам,
Чунин буд гӯӣ магар дарх(в)арам.[5]

Басо ранҷу сахтиву дардо ки ман
Кашидам аз он[*6] шоҳу он анҷуман.

---

1. Л-Ба.
2. И-ҳама.
3. И-Гулу.
4. И-болоҳо.
5. ИЛ-б. 207-208 нест.
6. М-Кашидан аз.

www.sattor.com

Гувоҳи ман андар ҷаҳон Эзад аст,
Гуво хостан додгарро бад аст,

Ки акнун баромад басе рӯзгор,
Шунидам басе панди омӯзгор,[1]

Ки шеван набархост аз хони ман,
Ҳаме оташ афрӯзад аз ҷони ман.

Ҳаме хун фишонам[2] ба ҷои сиришк,
Ҳамеша гирифторам андар пизишк.

Аз ин кор баҳри ман омад газанд,
На бар орзу рафт чархи баланд.[3]

Зи кори Сиёвуш чу огаҳ шудам,
Зи неку зи бад дасткӯтаҳ шудам.

Миёни ду кишвар ду шоҳи баланд
Чунин зору хору чунин мустаманд.

---

1. Чӣ бандӣ дил андар ситорашумар.
   Ба Яздон паноҳу ба Яздон гирой,
   Ки ӯ ҳаст бар некуӣ раҳнамой.
   Чу бо гуфти ман рой ҳамроҳ кард,
   Ба сад чора з-ӯ даст кӯтоҳ кард.
   Кунун то ки Хусрав ба Эрон шудаст,
   Шабу рӯз бар банд гирён шудаст.
   Ба тундиву тезӣ пур аз хашм рӯй,
   Ҳама рӯз бо ман дар ин гуфтугӯй.
   Ҳаме гӯяд ин бад ту кардӣ ба ман,
   Туам хор кардӣ дар ин анҷуман.
   В-аз он рӯй Хусрав ҳам озурдааст,
   Чунон тухми некам баровардааст -
   Ба Яздони поку ба хуршеду моҳ,
   Ба гардонсипеҳру ба тоҷу кулоҳ.
2. ЛМ-биборам.
3. ТПЗЛМ - Зи тирашабон дидаам нест* шарм,
   Ки чандин хурӯшидаам хуни** гарм***.

   * И-тирашабам дида барбаст; ** И-обӣ; *** З-ин б. ин б. пас аз б. 215 омадааст, ки ба назар дурусттар менамояд.

www.sattor.com

Фарангисро ман харидам ба ҷон,
Падар бар сар оварда будаш замон.

Ба хона ниҳонаш ҳаме доштам,
Бар ӯ пушт ҳар гуна баргоштам.[1]

Ба подош ҷон хоҳад аз ман ҳаме
Сари бадгумон хоҳад аз ман ҳаме.[2]

Пур аз дард, эй паҳлавон, аз ду рӯй,
Зи ду анҷуман сар пур аз гуфтугӯй.

На роҳи гурез аст з-Афросиёб,
На ҷои дигар рӯи орому хоб.

Ғами ганҷу бум аст, ҳам чорпой,
Ки бинам[3]*[4] ҳаме рӯи рафтан зи ҷой.

Писар ҳасту[5] пӯшидарӯён басе
Чунин[6] хаставу бастаи ҳар касе.

Агар ҷанг фармояд Афросиёб,
Намонад, ки чашм андарорам ба хоб,

Ба ноком лашкар бибояд кашид,
Нашояд зи фармони ӯ орамид.

---

1. И-ҳаргиз набаргоштам.
2. И-тан.
3. ТПЗ - Сиёвахшро хостам чун писар,
   Гиромитар аз ҷону аз чашму сар.
   Супурдам бад-ӯ хонаву духтарам,
   Ки рахшанда гардад аз ӯ гавҳарам.
   Кунун он гуҳар, к-ам аз ӯ буд Фуруд,
   Зи ҷону зи дил додам ӯро дуруд.
   Ба зорӣ бикуштанд бо духтарам,
   Чунин буд гӯӣ магар дарх(в)арам.
4. М –Набинам.
5. И-нест.
6. И-ҳаме.

www.sattor.com

Ба ман-бар кунун ҷои бахшоиш аст,
На ҳангоми пайкору ороиш аст.

Агар нестӣ бар дилам дарду ғам
Аз ин тухм бар[*1] куштани Пилсам,[2]

Ҷуз ӯ низ чандон ҷавони далер,
Ки ҳаргиз набуданд аз ҷанг сер.

В-аз он пас маро бими ҷон аст низ,
Сухан чанд гӯям зи фарзанду чиз.

Ба пирӯзгар бар ту, эй паҳлавон,
Ки аз ман набошӣ халидаравон.

Зи хешони ман бад надорӣ ниҳон,
Барандешӣ аз кирдгори ҷаҳон.

Ба равшанравони Сиёвуш, ки марг
Маро хуштар аз ҷавшану теғу тарг.

Гар эдун, ки ҷанге бувад ҳамгурӯҳ,
Тали кушта бинӣ ба болои кӯҳ.

Кашониву Шигниву Сақлобу Ҳинд
Аз ин марз то пеши дарёи Синд -

Зи хуни Сиёвуш ҳама бегуноҳ,
Сипоҳе кашида бар ин размгоҳ.

Маро囊 оштӣ беҳтар ояд зи ҷанг,
Набояд гирифтан чунин кор танг.

Бигӯ, то чӣ бинӣ, ту донотарӣ,
Ба разму ба мардӣ тавонотарӣ».

1. М-тухма ҷуз.
2. Л-б. 225-227 нест.

www.sattor.com

Зи Пирон чу бишнид Рустам сухун,
На бар орзу посух овард[1] бун.

Бад-ӯ гуфт: «То ман бад-ин кинагоҳ[2]
Камар бастаам бо далерони шоҳ.

Надидастам аз ту ба ҷуз некуӣ,[*3]
Зи туркон беозортар кас туӣ.[4]

Наёмад худ аз ту ба ҷуз ростӣ,[5]
Зи Турон[6] ҳама ростӣ хостӣ.

Паланг ин шиносад, ки пайкору ҷанг
На хуб асту донад ҳаме кӯҳу санг.

Чу кини сари шаҳрёрон бувад,
Сару кор бо тирборон бувад.

Кунун оштиро ду кор андар аст,
Нигар, то шуморо чӣ андарх(в)ар аст.

Яке он ки ҳар кас, ки аз хуни шоҳ
Бигустард бар хира ин размгоҳ

Бубандӣ,[7] фиристӣ бари шаҳрёр,
Сазад, гар нафармояд ин корзор.

Гунаҳгори хуни сари бегуноҳ
Сазад гар набошад дар ин размгоҳ.

---

1. Л-афканд.
2. ИМ-размгоҳ.
3. М-Дур нест.
4. ИЛ-б. 240 нест.
5. И-Надидам зи ту ман ба чуз ростӣ.
6. ИМ-туркон.
7. ИЛ-Ба тундӣ.

www.sattor.com

Ва дигар ки бо ман бубандӣ камар,
Биёӣ бари шоҳи пирӯзгар.

Зи[1] чизе ки эдар бимонӣ ҳаме,
Ки онро гаронмоя донӣ*[2] ҳаме.

Ба ҷои яке даҳ биёбӣ зи шоҳ,
Макун ёд бунгоҳи туронсипоҳ».[3]

Зи дил гуфт Пирон, ки жарф аст кор,
Зи Турон шудан пеши он шаҳрёр.

Дигар чун гунаҳгор хоҳад ҳаме,
Зи кини Сиёвуш бикоҳад ҳаме.

Бузургону хешони Афросиёб,
Ки бо тахту ганҷанду бо ҷоҳу об.

Чунин худ куҷо гуфт ёрам сухун,
На сар бошад ин орзую на бун.

Чу Ҳумону Гулбоду Фаршедвард,
Куҷо ҳаст Гударз аз эшон бадард,

Ҳама з-ин шумoранду ин[4] рӯй нест,
Мар ин обро дар ҷаҳон ҷӯй нест.

Маро чораи хеш бояд гирифт,
Раҳи хешро пеш бояд гирифт.

---

1. Л-Ту.
2. М-Хомӣ.
3. ТПЗИ - В-агарна намонам яке марди кин,
   На Шугнӣ, на Сақлобу хоқони Чин.
   Барорам аз ин размгоҳат димор,
   Сар орад ба ҷои гиё хок бор.
4. Л-з-ин.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт Пирон, ки «Эй паҳлавон,
Ҳамеша ҷавон бошу равшанравон.

Шавам, боз гӯям ба гурдон ҳамин,[1]
Ба Маншуру Шангул, ба хоқони Чин,[2]

Ҳаюне фиристам ба Афросиёб,
Бигӯям, сарашро барорам зи хоб».

РОЙ ЗАДАНИ ТУРОНИЁН АЗ ҶАНГИ ЭРОНИЁН

В-аз он ҷо биёмад ба лашкар чу бод,
Касеро ки буданд висанажод,

Яке анҷуман карду букшод роз,
Чунин гуфт к-«Омад нишебу фароз.

Бидонед, к-ин шердил Рустам аст,
Бад-ин размгоҳ аз дари мотам аст.

Бузургону шерони Зобулситон,
Ҳамон[3] номдорони Кобулситон,

Чу Гударзи Кашводу чун Геву Тус
Ба ноком разме бувад бофусӯс.

Чу ӯ[4] кинакаш бошаду раҳнамой,
Саворони гетӣ надоранд пой.

Зи туркон гунаҳгор ҷӯяд ҳаме,
Дил аз бегуноҳон бишӯяд ҳаме,

1. И-ҳаме.
2. И-Кундур ба хоқон ҳаме.
3. ИМ-Ҳама.
4. И-Кунун.

www.sattor.com

Ки донӣ, к-аз[1] эдар гунаҳгор нест,
Дили шоҳ аз ӯ пур зи тимор нест.

Нигаҳ кун, ки ин бум вайрон шавад,
Ба коми далерони Эрон шавад.

На пиру ҷавон монад эдар, на шоҳ,
На ганҷу сипоҳу на тахту кулоҳ.

Ҳаме гуфтам ин шоҳӣ[2] бедодро,
Ки чандин мадор оташу бодро,

Ки рӯзе шавӣ ногаҳон[3] сӯхта,
Хирад сӯхта, чашму дил дӯхта.

Набурд он ҷафопеша фармони ман
На фармони он номдор анҷуман.

Биканд он гаронмоя шаҳро зи ҷой,
Назад бо далери хирадманд рой.

Бубинӣ, ки на тоҷ монад, на гоҳ,[4]
На пилони ҷангӣ, на тахту кулоҳ.[5]

Бад-ин шоддил шоҳи Эрон бувад,
Ғаму дард баҳри далерон бувад.

Дареғ он далерону чандин сипоҳ,
Ки бо фарру бурзанду бо тоҷу гоҳ.

1. И-ки.
2. ИМ-шуми.
3. И-шавад ин ҷаҳон.
4. Л-шоҳ.
5. И-сипоҳ; И-б. 75 нест.

www.sattor.com

Ба тороҷ бинӣ ҳама з-ин сипас,
Набаргардад аз размгаҳ шод кас.[1]

Бикӯбанд моро ба наъли сутур,
Шавад оби ин бахти бедор шӯр.

Зи Ҳумон дили ман бисӯзад ҳаме,
Зи Рӯин равон[*2] барфурӯзад ҳаме.

Дили Рустам оганда аз кини ӯст,
Бурӯҳош яксар пур аз чини ӯст.

Пур аз ғам шавам пеши хоқони Чин,
Бигӯям, ки бар ман чӣ омад зи кин».

Биёмад ба наздики хоқон чу гард,
Пур аз хун дилу лаб пур аз боди сард.[*3]

Саропардаи ӯ пур аз нола дид,
Зи хун кишта бар заъфарон лола дид.

Зи хешони Комус чандин сипоҳ
Ба наздики хоқон шуда додхоҳ.[4]

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки Афросиёб,
Аз ин пас бузургӣ набинад ба хоб.[*5]

1. И-пас аз б. 278 ин б. омада:
   Бубинӣ, ки на шоҳ монад, на тоҷ,
   На ҷанги саворони ин тахти оҷ.
2. М-Дилам.
3. М-Чашм пур оби зард.
4. И-кинахоҳ.
5. М- Пас аз б. 286 ин б. омада:
   Чаро кина афканд, к-аш нест мард,
   Ки овард созад ба рӯзи набард.

www.sattor.com

Сипоҳи кашонӣ сӯи Чин барем,[1]
Ҳама дида пуробу пуркин барем.[2]

Зи Чину зи Барбар[3] сипоҳ оварем,
Ки Комусро кинахоҳ оварем.

Зи Бузгӯшу Сагсору Мозандарон
Кас орем бо гурзҳои гарон[4]

Ки эдар зи Рустам бароранд ҳуш,
На овоз аз[5] ӯ кас нишюшад[6] ба гӯш.

Агар кин ҳаме ҷӯяд Афросиёб,
На ором бояд ки ҷӯяд[7], на хоб.

Ҳам аз дудаи Чингишу Ашкбӯс
Хурӯшидане буд[8] чун захми кӯс.[9]

Ҳаме аз паи дуда ҳар кас бадард
Биборид бар заъфарон оби зард.

Ҳаме гуфт бо дидагони пуроб,
К-аз ин пас начӯем орому хоб.[10]

Магар[11] Систонро пуроташ кунем,
Бар эшон шабу рӯз нох(в)аш кунем.

1. ИЛ-шавем.
2. ИЛ-шавем.
3. И-Турон.
4. Л-б. 290 нест.
5. Л-овои.
6. И-бояд шунидан.
7. Л-ёбад, ки хоҳад.
8. И-Хурӯше бувад рост.
9. Л-б. 293 нест.
10. Л-б. 295 нест.
11. Л-Ки мо.

www.sattor.com

Сари Рустами Зобулиро[1] ба дор
Барорем бар сӯги ин номдор.[2]

Танашро бисӯзему хокистараш
Ҳаме барфишонем пеши дараш.

Чу бишнид Пирон, дилаш[3] хира гашт,
Зи овози эшон рухаш[4] тира гашт.

Чунин гуфт, к-«Эй зору бечорагон,
Пур аз дарду тимору ғамхорагон!

Надоред аз ин огаҳӣ бегумон,
Ки эдар шуморо сар ояд замон».

Биёмад, ба хоқони Чин гуфт боз,
Ки «Он размн кӯтоҳи мо шуд дароз.

Зи дарё наҳанге ба ҷанг омадаст,
Ки ҷавшан-ш чарми паланг омадаст,

Ки Рустам зи ҳар ҷо ки буд лашкаре,
Зи ҳар сӯ ки буд номвар меҳтаре,

Биёварду он ранҷҳо шуд ба бод,
Куҷо хезад аз кори бедод дод?

Сари шоҳи кишвар[5] чунин гашта шуд,
Сиёвахш бар дасти ӯ кушта шуд.

1. И-Зовулӣ.
2. Л-б. 297 нест.
3. И-сараш.
4. И-Ва эшон рухи лаъли ӯ.
5. И-Турон.

www.sattor.com

Ба фармони Гарсевази бехирад[*1]
Зи дасташ бирафт[2] ончунон кори бад.[3]

Сиёвуш ҷаҳондору[4] пурмоя буд,
Варо Рустами Зобулӣ[5] доя буд.

Кунун баҳри[*6] ӯ ҷангу кин оварад,
Ҳаме осмон бар замин оварад.

На ҷанги палангу на хартуми пил,
На кӯҳи баланду на дарёи Нил

Басандаст[7] бо ӯ ба овардгоҳ,
Чу овард гирад ба пеши сипоҳ.

Яке Рахш[8] дорад ба зер - андарун,
Ки киштӣ нахоҳад ба дарёи хун.

Кунун разм[9] хира набояд шумурд,
Чу диданд аз ӯ ҳар касе дастбурд.

Яке оташ омад зи чархи кабуд,
Дили мо шуд аз дарди ӯ пур зи дуд.[10]

Кунун сар ба сар тезҳуш бихрадон[11]
Бихонед бо мӯбадону радон.

---

1. М-камхирад.
2. Л-баромад.
3. Л-пас аз б. 307 ин б. омада:
   Касе чун шавад назди нараждаҳо,
   Зи заҳру зи ашкаш наёбад раҳо.
4. И-ҷаҳондори.
5. И-Зовулӣ.
6. М-Агар кор бояд, ки гардад.
7. И-писандаст.
8. И-асп.
9. ИЛМ-рӯз.
10. И-Ки дил бошад аз дарди ӯ ҳамчу дуд.
11. И-меҳтарон.

www.sattor.com

Бубинед, то чораи[*1] кор чист,
Бад-ин размгаҳ марди пайкор кист.

Магар з-ин бало сӯи кишвар шавем,
Агар чанд бо бахти лоғар шавем.

Ҳама корҳо кард бояд[2*3] дуруст,
Зи оғоз кина набоист ҷуст».

Зи Пирон ғамӣ гашт хоқони Чин,
Ҳаме ёд кард аз ҷаҳонофарин.

Бад-ӯ гуфт: «Моро кунун чист рӯй,
Чу омад сипоҳе чунин ҷангҷӯй»

Чунин гуфт Шангул, ки «Эй сарфароз,
Чӣ бояд кашидан суханҳо дароз?

Ба ёрии Афросиёб омадем,
Зи дашту зи дарёи Об омадем.

Басе ёраву ҳадяҳо ёфтем,
Зи ҳар кишваре тез биштофтем.

Чу шер омадему чу рӯбаҳ шавем,
Зи пайкор агар дасткӯтаҳ шавем.[4]

Бирафтем чун шери ҷангӣ дамон,
Ба раҳ-бар наҷустем рӯзе замон.

Ба як марди сагзӣ, ки омад ба ҷанг,
Чаро шуд чунин бар шумо кор танг?

1. М-марги.
2. И-рой бояд, ки гардад; Л-кор бояд, ки гардад.
3. Фарҷоми он.
4. И-б. 324 нест.

www.sattor.com

Зи як мард нанг аст гуфтан сухун,
Дигаргуна бояд-т афканд бун.

Чунон дон, ки ӯ жандапил асту маст,
Ба овардгаҳ шер гирад ба даст.

Агар гурд Комусро з-ӯ замон-
Биёмад, набояд шудан дар гумон.

Чу Пирон зи Рустам битарсад ҳаме,
Шаби тира аз ғам нахуспад ҳаме.

Зи гурдон касе дорад ӯро ба кас?
Кунун даст ёзам ба фарёдрас.

На пил асту на гашта бо шер ҷуфт,
Ҳунар нест чандон, ки Пирон бигуфт.

Бар ин ройҳо кард бояд дуруст,
Набояд дил аз кини ӯ пок шуст.

Сапедадамон гурзҳо баркашем
В-аз ин дашт яксар сар андаркашем.[*1]

Ҳаво ҳамчу[2] абри баҳорон кунем,
Бар эшон яке тирборон кунем.

Зи гарди саворону захми табар
Набояд, ки донад кас аз пой сар.

Шумо яксара чашм бар ман ниҳед,
Чу ман бархурӯшам, дамеду диҳед.

Ҳамоно зи ҷанговарон сад ҳазор
Фузун бошад аз мо далеру савор.

1. М-Бар эшон яке тезлашкар.
2. И-Ҳаворо чу.

www.sattor.com

Зи як тан чунин зору печон шудем,
Ҳама пок нокушта беҷон шудем.

Чу ман пеши сагзӣ шавам ҳамнабард,[1]
Шумо б-осмон андаоред гард.[2]

Набояд, ки ёбанд як тан раҳо,
Дили марди баддил надорад баҳо».

Чу Пирон зи Шангул шунид ин сухан,
Ҷавон шуд дили марди гашта куҳан.

Бад-ӯ гуфт Пирон, ки «Ту шод зӣ,
Зи андӯҳу андеша озод зӣ!»

Ҳама номдорону хоқони Чин
Гирифтанд бар шоҳи Ҳинд офарин.

Чу Пирон биёмад ба пардасарой,
Бирафтанд пурмоягон боз[3] ҷой,

Чу Ҳумону Настеҳану Бормон,
Ки гаҳ тира буданду гаҳ[*4] шодмон.

Бипурсид Ҳумон зи Пирон сухун,
Ки «Пайкоратон[*5] бар чӣ омад ба бун?

Ҳаме оштиро кунад пойгоҳ
Ва ё ҷанг ҷӯяд сипоҳ аз сипоҳ?»

Ба Ҳумон бигуфт он ки Шангул чӣ гуфт,
Сипаҳ гашт бо ӯ ба пайкор ҷуфт.

1. Л-ҷангҷӯй.
2. Л-Дароред яксар шумо рӯ ба рӯй.
3. И-пурмоя гурдон зи.
4. М - Агар ғамгинонанд, агар.
5. М-гуфторатон.

www.sattor.com

Ғамӣ гашт Ҳумон аз он[1] кор сахт,
Барошуфт бо Шангули шӯрбахт.[2]

Ба Пирон чунин гуфт, к-«Аз осмон
Гузар нест, то бар чӣ гардад замон».

Биёмад ба раҳ, пеши Гулбод гуфт,
Ки «Шангул магар бо хирад нест ҷуфт?

Гар он Рустам аст, он ки ман дидаам,
Зи гарданкашон низ бишнидаам,

На Шангул бимонад бар ин дашти кин,
На Кундур, на Маншуру хоқони Чин.[3]

Бибояд шудан як замон з-ин миён,
Нигаҳ кард бояд ба суду зиён.[4]

Бубинӣ, к-аз ин лашкари бекарон
Ҷаҳонгир бо гурзҳои гарон

Ду баҳра бувад зери хок - андарун,
Кафан ҷавшану тарг шуста ба хун».

Бад-ӯ гуфт Гулбод, к-«Эй теғзан,
Чунин, то тавон, фоли бадро мазан.

Дили хеш якбора ғамгин макун,
Бувад,[5] к-аз гумон дигар ояд сухун.

---

1. ИН-ин.
2. И-Биларзид бар сони барги дарахт; Л-Шангул фирӯзбахт.
3. Л-б. 354 нест:
   ТПЗ- На ин жандапилони ороста,
   На ин тахту ин тоҷу ин хоста.
4. И-б. 354, 355 нест.
5. Л-Магар.

www.sattor.com

Зи ноомади кор дилро ба ғам
Сазад гар надорӣ, набошӣ дижам».

СУХАН ГУФТАНИ РУСТАМ БО ЛАШКАРИ ХЕШ

В-аз ин рӯй Рустам ялонро бихонд,
Суханҳои боиста чанде биронд

Чу Тусу чу Гударзу Руҳҳому Гев,
Фарибурзу Густаҳму Харроди нев.

Чу Гургини корозмуда савор,
Чу Бежан фурӯзандаи корзор

Таҳамтан чунин гуфт, к-«Эй бихрадон,
Ҳушивору бедордил мӯбадон,[1]

Касеро,[2] ки Яздон кунад некбахт,
Сазовор бошад варо тоҷу[3] тахт.

Ҷаҳонгиру пирӯз бошад ба ҷанг,
Натарсад зи пилу наҳангу паланг.[*4]

Зи Яздон бувад зӯр, мо худ кием,
Бад-ин тира хок - андарун бар чием?

Набояд кашидан гумони[5] бадӣ,
Раҳи эзадӣ[6] бояду бихрадӣ,[7]

Ки гетӣ намонад ҳаме бар касе,
Набояд бад-ӯ шод будан басе.

1. И-бедору равшанравон.
2. Л-Ки онро.
3. И- ба ганҷу ба.
4. М-Набояд кашидан ба бедод ҷанг.
5. И-гумон аз.
6. И-бехудӣ.
7. И-эзадӣ.

www.sattor.com

Ҳунар мардумӣ бошаду ростӣ,
Зи кажжӣ бувад каммиву костӣ.

Чу Пирон биёмад бари ман дамон,[1]
Сухан гуфт бо доғи дил як замон,

Ки аз некуӣ бо Сиёвуш чӣ кард,
Чӣ омад ба рӯяш зи тимору дард?

Фарангисро аз дами аждаҳо
Ба гуфтори ӯ буд, ки омад раҳо.

Або он ки андар дилам шуд дуруст,
Ки Пирон ба кин кушта ояд нахуст.

Бародар-шу фарзанд дар пеши ӯй,
Басе богуҳар номвар хеши ӯй.

Абар дасти Кайхусрав Афросиёб
Шавад кушта, ин дидаам ман ба хоб.

Чунон дон, ки[*2] як тан намонад ба ҷой,
Магар кушта афканда дар зери пой.

Валекин нахоҳам, ки бар дасти ман
Шавад кушта ин сарвари анҷуман,

Ки ӯро ҷуз аз ростӣ пеша нест,
Зи бад дар дилаш ҳеч андеша нест.

Гар эдун, ки боз орад онро, ки гуфт,
Гуноҳи гузашта бибояд нуҳуфт.

Гунаҳкор бо хоста ҳар чӣ буд,
Супорад ба мо, кин набояд фузуд.

1. И-давон.
2. М-К-аз.

www.sattor.com

Аз он пас маро ҷои пайкор нест,
Беҳ аз ростӣ дар ҷаҳон кор нест.

В-аз[*1] ин номдорони ботахту пил
Сипоҳе бад-ин сон чу дарёи Нил.[2]

Фиристад ба наздики мо тоҷу ганҷ,
Аз эшон набошам аз он пас ба ранҷ.

Пазиранд як-як зи мо боҷу сов,
Ки бо мо надоранд пайкор тов.[3]

Надорем касро[4] ба куштан нигоҳ,
Ки некидиҳишмон хирад доду[5] роҳ.

Ҷаҳон пур зи ганҷ асту пуртоҷу тахт,
Наёбад ҳама баҳра ҷуз некбахт».

Чу бишнид Гударз, бар пой хост,[*6]
Бад-ӯ[7] гуфт, к-«Эй меҳтари доду рост,[8]

Сутуни сипоҳиву зебои гоҳ,
Фурӯзон ба ту тоҷу тахту кулоҳ.

Сари мояи туст равшан[9] хирад,
Равонат ҳаме аз хирад бар хурад.

1. М-гетӣ.
2. Л-б. 383 нест.
3. ТПМ - Фиристанд наздики мо сову боз,
Зи пайкори эшон шавам бениёз.
4. И-ба гетӣ.
5. И-некидиҳишро ҷуз ин нест.
6. М-Шери бо доду.
7. Л-Чунин.
8. И-б. 388 нест.
9. И-ҳушу.

www.sattor.com

Зи ҷанг оштӣ, бегумон, беҳтар аст,
Нигаҳ кун, ки говат ба чарм андар аст.[1]

Бигӯям яке пеши ту достон,
Кунун бишнав аз гуфтаи бостон.

Ки аз ростӣ ҷони бадгавҳарон
Гурезад чу гардан зи бори гарон.

В-ар эдун, ки бечора паймон кунад,
Бикӯшад, пас онро дигарсон кунад.

Чу каж офаридаш ҷаҳонофарин,
Ту машнав сухан з-ӯву кажжӣ мабин,[2]

Нахустин, ки мо размгаҳ сохтем,
Сухан рафту з-ин[3] кор пардохтем.

Зи Пирон фиристода омад бар ин,
Ки безорам аз ҷангу аз дашти кин.

Миён бастаам бандагӣ[4] шоҳро,
Нахоҳам бару буму хиргоҳро.

Басе панду андарз бишниду гуфт,
К-аз ин пас набошад маро ҷанг ҷуфт.

Шавам, - гуфт, - бупсечам ин кор тафт,
Ба хешон бигӯям, ки бар мо чӣ рафт.

---

1. -б. 391 нест
2. И-пас аз б. 395 ин б. омада:
   Фаровон аз ин дод бедод тан
   Фикандаст ҳар ҷой Пирон сухан.
3. И-Суханро аз ин.
4. И-Ки ман бандаам номвар.

www.sattor.com

Маро тахту ганҷ асту ҳам чорпой,
Бад-эшон бимонам сазовор[*1] ҷой.

Бигуфтам аз эдар, биёӣ, равост,
Ба Эрон туро тахту ганҷу навост.

Яке гӯшае гир, то назди шоҳ
Зи ту ошкоро нагардад гуноҳ.

Чу гуфтем[*2] Пирон бар он боз гашт,
Шаби тира бо бод анбоз гашт.

Ҳаюне фиристод наздики шоҳ,
Ки лашкар биёрой, к-омад сипоҳ.[3]

Ту гуфтӣ, ки бо мо нарафт[*4] он сухун,
На сар буд аз он кор пайдо, на бун.

Даҳум рӯз лашкар ба ҳомун кашид,
Ҷаҳоне саросар сипаҳ густарид.[5]

Кунун бо ту, эй паҳлавони сипоҳ,
Яке дигар афканд бозӣ[*6] ба роҳ.[7]

Кунун аз каманди ту тарсида шуд,
Равонро, ки тарсида аз дида шуд.

---

1. М-намонам, гар оям ба.
2. М-Бигуфт.
3. ТПЗ- Чу донист, к-омад варо ёр танг,
   Сипахро биёрост, омад ба ҷанг.
4. М-нагуфт.
5. И-б. 407 нест.
6. М-чора.
7. Л-б. 407, 408 нест:
   ТПЗИ- Ҷуз аз рангу чора надонад ҳаме,
   Зи дониш сухан барфишонад ҳаме.

www.sattor.com

Ҳама пушти эшон ба Комус буд,
Сипаҳбад чу Маншуру Фартус буд.

Чу Комусро бахт[*1] баргашта дид,
Ба хамми каманд-андарун кушта дид.

Дари оштӣ кӯбад акнун ҳаме,
Наёрад нишастан ба ҳомун ҳаме.

Чу донад, ки танг - андар омад нишеб,
Ба кор оварад рангу банду фиреб.

Гунаҳгор бо ганҷу бо хоста,
Ки гуфтаст, пеш орам ороста.

Бубинӣ,[2] ки чун бардамад захми кӯс,
Ба ҷанг андарояд Фарибурзу Тус.

Сипаҳдор Пирон бувад пешрав,
Ки ҷанг оварад ҳар замон нав ба нав.

Дурӯғ аст яксар ҳама гуфти ӯй,
Набошад[3] ҷуз аз Аҳриман ҷуфти ӯй.

Агар нашнавӣ сар ба сар панди ман,
Нигаҳ кун ба Баҳром-фарзанди ман.

Сипаҳро бад-он чора андар нишохт,[4]
Ба мо-бар камине бар он сон бисохт.[5]

---

1. М-Сари бахти Комус.
2. Л-Ту донӣ.
3. ЛМ_Нашояд.
4. ИМ-андар навохт.
5. ИМ-Зи гударзиён гурситоне бисохт.

www.sattor.com

Зи гударзиён рӯзи ҷангу набард
Чунон гӯрсоне падидор кард.[1]

Ки то зиндаам, хун сиришки ман аст,
Яке теғи ҳиндӣ пизишки ман аст».

Чу бишнид Рустам, ба Гударз гуфт,
Ки «Гуфтори ту бо хирад бод[2] ҷуфт.

Чунин аст Пирону ин роз нест,
Ки ин пир бо мо ҳамовоз нест.

Валекин ман аз хуб кирдори ӯй,[3]
Наҷӯям ҳаме тез[4] пайкори[*5] ӯй.[6]

Нигаҳ кун, ки бо шоҳи Эрон чӣ кард,
Ба[*7] кори Сиёвуш чӣ тимор х(в)ард.

Гар аз гуфтаи хеш боз ояд ӯй
В-агар пеши мо ҷангсоз[8] ояд ӯй,

Ба фитрок барбаста дорам каманд,
Кучо жандапил андарорам ба банд.

Зи некӯгумон андароям нахуст,
Набояд[9] магар ҷангу пайкор ҷуст.

---

1. И - Яке сахт савганд дорам ба моҳ
Ба озаргушаспу ба дайҳими шоҳ.
2. И-ҳаст.
3. И-гуфтори ӯ.
4. И-разму.
5. М-бозори.
6. И-ӯ.
7. М-Зи.
8. И-Чунин назди мо размсоз.
9. Л-Наёяд.

www.sattor.com

Чу ӯ боз гардад зи гуфтори хеш,
Бубинад зи мо дарду тимори хеш».

Бар ӯ офарин кард Гударзу Тус,
Ки хуршед бар ту надорад фусӯс.

Ба наздики ту рангу банду дурӯғ
Суханҳои Пирон нагирад[1] фурӯғ.

Мабодо ҷаҳон бе сару тоҷи шоҳ,
Ту бодӣ ҳамеша бад-он пешгоҳ!»

Чунин гуфт Рустам, ки «Шаб тира гашт,
Зи гуфторҳо мағзи мо хира гашт.

Бибошем, то ними шаб май хӯрем,
Дигар нима тимори лашкар барем.

Бубинем, то кирдгори ҷаҳон
Дар ин ошкоро чӣ дорад ниҳон».

Ба эрониён гуфт, к-«Имшаб ба май
Яке ахтаре афканам некпай,

Ки фардо ман он гурзи Соми савор,
Ки кардам ба Мозандарон корзор,

Ба гардан барорам, шавам сӯи ҷанг,
Бад-он гаҳ куҷо пой дорад наҳанг.

Саропардаву афсару гурзу тоҷ,
Ҳамон жандапилону ҳам[2] тахти оҷ -

Биёрам, супорам ба эрониён,
Агар тохтанро бубандам миён».

1. Л-Суханҳо нагирад зи Пирон.
2. И-он.

www.sattor.com

Баромад хурӯше зи ҷои нишаст
Аз он номдорони хусравпараст.[1]

Сӯи хаймаи хеш рафтанд боз,
Ба хобу ба осоиш омад ниёз.[2]

ЛАШКАР ОРОСТАНИ ЭРОНИЁН ВА ТУРОНИЁН

Чу бинмуд хуршеди рахшон кулоҳ,
Чу симинсипар гашт рухсори моҳ.

Битарсид моҳ аз паи гуфтугӯй,
Ба хамм андаромад, бипӯшид рӯй.

Табира баромад зи даргоҳи Тус,
Шуд аз гарди[*3] аспон ҷаҳон[4] обнус.

Замин нилгун шуд, ҳаво пур зи гард,
Бипӯшид Рустам силеҳи набард.

Рада баркашиданд эронсипоҳ,
Писар ҷангҷӯву падар кинахоҳ.

Сӯи маймана пури Кашвод буд,
Ки бо ҷавшану гурзи пӯлод буд.

Фарибурз бар майсара ҷой ҷуст,[*5]
Дили номдорон зи кина бишуст.[*6]

---

1. ТПЗ- Чу гаштанд сармаст гурдон ҳама,
   Аз эрониён шермардон ҳама.
2. Л-пас аз б. 442 ин б. омада:
   Кунун разми хоқони Чин оварем,
   Ҳамон расми мардиву кин оварем.
3. М-сумми.
4. ИЛ-замин.
5. М-сохт.
6. М-Ҳамон гургпайкар алам барфарохт.

www.sattor.com

Ба қалб - андарун Туси Нӯзар ба пой,
Намонд он замон бар замин низ ҷой.

Таҳамтан биёмад ба пеши сипоҳ,
Ки дорад ялонро зи душман нигоҳ.

В-аз он рӯй хоқон ба қалб андарун -
Зи пилон замин сар ба сар нилгун.

Абар маймана Кундури шермард,[1]
Савори диловар ба гоҳи набард.[2]

Сӯи майсара ҷангдида Гаҳор,[3]
Замин хаста бар зери наъли савор.

Ҳаме гашт Пирон ба пеши сипоҳ,
Биёмад бари Шангули кинахоҳ.[4]

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй номбардори[5] Ҳинд,
Зи Шарвон ба фармон туро то ба[6] Синд[*7],

Маро гуфта будӣ, ки фардо пагоҳ
Зи ҳар сӯ ба ҷанг андарорам сипоҳ.[8]

В-аз он пас биҷӯям зи Рустам набард,
Сарашро зи абр[9] андарорам ба гард».

1. ИМ-шергир.
2. ИМ-шамшеру тир.
3. И-Каҳор.
4. И-размхоҳ.
5. И-номпардози.
6. И-Ба номи ту то марзи дарёи.
7. М-Ҳама зери фармони ту Ҳинду Синд.
8. ТПЗЛ - Барорам зи гурдони Эрон нафир,
   На барно гузорам ба ҷову на пир.
9. И-ба зер.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт Шангул: «Ман аз гуфти хеш
Нагардам, набинӣ зи ман камму беш.

Шавам ҳам[*1] кунун пеши он гурдгир,
Танашро бидӯзам ба пайкони[2] тир.

Аз ӯ кини Комус ҷӯям ба ҷанг,
Бар эрониён - бар[3] кунам кор[4] танг».

Ҳам он гаҳ сипаҳро ба се баҳра кард,
Бизад кӯсу бархост аз дашт гард.

Бирафтанд як баҳра бо жандапил,
Сипаҳ буд саф баркашида ду мил.

Сари пилбонон ба рангу[5] нигор,
Ҳама пок бо афсару гӯшвор.

Биёроста гардан аз тавқи зар,
Миён банд карда ба зарринкамар.

Фурӯҳишта аз пил дебои чин,
Ниҳода бар ӯ тахту маҳди зарин.[6]

Баромад дами[7] нолаи каррной,
Бирафтанд пилони ҷангӣ зи ҷой.

---

1. М-ман.
2. Л-Кунам ман муғалбар ба.
3. И-ман.
4. И-рӯз; Л-ҷой.
5. Л-пил пур зангу нақшу.
6. ТПЗ- Чу биншаст хоқон ба пили сапед,
   Бар он тахт шодондилу пурумед.
7. И-дам аз.

www.sattor.com

Биёмад сӯи маймана[1] сӣ ҳазор
Саворони гарданкаши найзадор.[2]

Сӯи майсара[3] сӣ ҳазори дигар
Камон баргирифтанду чинисипар.

Ба қалб - андарун пилу хоқони Чин
Ҳаме барнаваштанд рӯи замин.

САРЗАНИШ КАРДАНИ РУСТАМ БО ПИРОН

Ҳаме рафт Шангул миёни ду саф,
Яке теғи ҳиндӣ гирифта ба каф.

Яке чатри ҳиндӣ зи сар то ба пой
Гирифта ҳама чатр парри ҳумой.

Паси пушту дасти чапу дасти рост[4]
Ҳаме рафт бо ӯ аз он сӯ, ки хост.

Чу Пирон чунон дид, дил шод кард,
Зи разми Таҳамтан сар[5] озод кард.

Ба Ҳумон чунин гуфт, к-«Имрӯз кор
Ба коми дили мо кунад рӯзгор.

Бад-ин созу чандин савори далер,
Сарафроз ҳар як ба кирдори шер,

Ту имрӯз пеши саф - андар мапой,
Як имрӯзу фардо макун разм рой.

1. И-майсара.
2. И-номдор.
3. И-маймана.
4. Л-рости ӯй.
5. Л-тон.

www.sattor.com

Паси пушти хоқони Чинӣ биист,
Ки дар размм будан туро рӯй нест,[1]

Ки гар зобулӣ бо дурафши сиёҳ[*2]
Бубинад туро, кор гардад табоҳ.

Бубинед, то чун бувад кори мо,
Чӣ бозӣ кунад бахти бедори мо».

В-аз он ҷойгаҳ шуд бад-он анҷуман,
Ба ҷое ки буд паҳлавон пилтан.

Фуруд омаду офарин кард чанд,
Ки «Фаррух[*3] аз ту[4] сипеҳри баланд.

Мабодо, ки рӯзи ту гирад нишеб,
Мабодо, ки ояд ба рӯяш ниҳеб.

Чу рафтам зи назди ту, эй паҳлавон,
Паёмат бидодам ба пиру ҷавон.

Бигуфтам ҳунарҳои ту, ҳар чӣ буд,
Зи гетӣ туро худ кӣ ёрад ситуд?

Ҳам аз оштӣ рондаму ҳам зи ҷанг,
Сухан гуфтам аз ҳар даре ранг-ранг.

Ба фарҷом гуфтанд, к-ин чун кунем,
Ки аз рои ту кина берун кунем.

Тавон дод ганҷу зару хоста,
Зи мо ҳар чи ӯ хоҳад ороста.

1. Л-Ки донад туро бо саворе дувист.
2. М-дурафшу сипоҳ.
3. М-нур.
4. Ж – Нур аз ту гирад

www.sattor.com

Нашояд гунаҳгор додан бад-ӯй,
Барандешу ин розҳо боз ҷӯй.

Гунаҳгор ҷуз хеши Афросиёб.
Ки донӣ, суханро мазан бар шитоб.

Зи мо ҳар ки хоҳад, ҳама меҳтаранд,
Бузурганду бо тахту бо афсаранд.

Чӣ гуна супорему ин кай тавон,
Аз он орзу пир гардад ҷавон.[1]

Сипоҳе бад-ин сон биёмад зи Чин,
Зи Сақлобу Хатлону Туронзамин.

Куҷо оштӣ хоҳад Афросиёб,
Ки чандин сипоҳ орад аз хушку об?

Ба посух накӯҳиш басе[2] ёфтам,
Азеро ба назди ту биштофтам.[3]

Аз эшон сипоҳе чу дарёи Об
Гирифтанд бар ҷанг ҷустан шитоб.

Саропои худро надонанд ҳеч,
Туро ҷуз ба «Сагзӣ» нахонанд ҳеч.[4]

Набарди ту хоҳад ҳаме шоҳи Ҳинд
Ба тиру камону ба ҳиндӣ[5] паринд.

1. ИЛ-б. 492 нест.
2. И-ҳаме.
3. И-Аз эшон сӯи паҳлавон тофтам.
4. Л-б. 497 нест.
5. И-румӣ.

www.sattor.com

Маро ин дуруст аст, к-аз пилтан
Ба фарҷом гирён шаванд[1] анҷуман».

Чу бишнид Рустам, барошуфт сахт,
Ба Пирон чунин гуфт, к-«Эй шӯрбахт!

Чӣ дорӣ чунин банду чандин фиреб,
Куҷо пой дорӣ ту андар нишеб?

Маро аз дурӯғи ту шоҳи ҷаҳон
Басе ёд кард ошкору ниҳон.

Чу дидам[2] кунун донишу рои ту,
Дурӯғ аст яксар саропои[3] ту.

Биғалтӣ ҳаме хира дар хуни хеш,
Бад аст ин в-аз ин бадтар ояд-т пеш.

Агар дӯзах астӣ,[4] биҳишт аст ҷой,
Зи буме, ки дорӣ ҳаме зери пой.

Магар гуфтам ин хоки бедоди шум
Гузорӣ, биёӣ ба ободд бум.[5]

Чунин зиндагонӣ наёрад баҳо,
Ки бошад сар андар дами аждаҳо.

Бубинӣ магар шоҳи бододу меҳр,
Ҷавону навозандаву[6] хубчеҳр.

1. И-шавад.
2. ИЛ-Бидидам.
3. И-сару пои.
4. И-дӯзах аст ар.
5. И-б. 506 нест.
6. И-Ҷавоне навозандаи.

www.sattor.com

Туро хӯрдани мору[*1] чарми паланг
Ҳаме хуштар ояд зи дебову[*2] ранг.

Надорад касе бо ту з-ин доварӣ,
Зи тухми пароканда хуб бар х(в)арӣ».

Бад-ӯ гуфт Пирон, ки «Эй некбахт,
Барӯманду шодобу зебодарахт,[*3]

Суханҳо, кӣ донад ҷуз аз ту чунин,
Ки аз меҳтарон бар ту бод офарин!

Маро ҷону дил зери фармони туст,
Ҳамеша равонам гаравгони туст.

Як имшаб занам рой бо хештан,
Бигӯям сухан низ бо анҷуман».

Биёмад ҳам он гаҳ миёни[4] сипоҳ,
Дилаш пурдурӯғу[*5] сараш кинахоҳ.

ОҒОЗИ РАЗМ

Чу баргашт Пирон, зи[6] ҳар ду гурӯҳ
Замин шуд ба кирдори рахшанда[7] кӯҳ.

Чунин гуфт Рустам ба эрониён,
Ки «Ман ҷангро баста дорам миён.

---

1. М-пӯшиш аз хуку.
2. М-ранг.
3. М-зебои тахт.
4. ИЛМ-В-аз он ҷо биёмад ба қалби.
5. М-лабаш.
6. И-ба.
7. И-гарданда.

www.sattor.com

Шумо як ба як[1] сар пур аз кин кунед,
Бурӯҳои ҷангӣ пур аз чин кунед,

Ки имрӯз разми[*2] бузург[3] аст пеш,
Падид ояд андозаи гургу меш.

Маро гуфта буд он ситорашинос,
Аз ин разм будам[4] дил андар ҳарос,

Ки разме бувад дар миёни ду кӯҳ,
Ҷаҳонро бишӯяд ба хун[*5] ҳамгурӯҳ.

Шаванд анҷуман кордида меҳон,
Дар он разм[6*7] бемард гардад ҷаҳон.

Паи кин ниҳон гардад аз рӯи бум,
Шавад гурзи пӯлод бар сони мум.

Ҳар он кас, ки ояд бари ман[8] ба ҷанг,
Шумо дил мадоред аз он кор танг.

Ду дасташ бубандам ба хамми каманд,
Агар[9] ёр бошад сипеҳри баланд.

Шумо сар ба сар ҳамгинон,[10] ҳамгурӯх,
Мабошед аз он номдорон сутӯҳ.

---

1. Л-сар ба сар.
2. М-чанге.
3. И-размы гарон; разме.
4. И-бурдам.
5. М-Ҷаҳоне шаванд андар он.
6. И-Бар он чанг.
7. М-ҷанг.
8. И-мо.
9. Л-Гарам.
10. ИЛМ-як ба як.

www.sattor.com

Маро гар ба разм - андар ояд замон,
Намирам ба базм - андарун бегумон.[1]

Туро ном бояд, ки монад дароз,
Намонӣ ҳаме, кор чандин масоз.

Дил андар сарои сипанҷӣ мабанд,
Бас эмин машав дар сарои[2] газанд.

Агар ёр бошад равон бо[3] хирад,
Ба неку ба бад рӯзро нашмарад.

Худованди тоҷу худованди ганҷ
Набандад дил андар сарои сипанҷ».

Чунин дод посух ба Рустам сипоҳ,
Ки «Фармони ту бартар аз чарху моҳ.

Чунон разм созем бо теғи тез,
Ки монад зи мо ном то растахез».[4]

Зи ду рӯя[5] танг андаромад сипоҳ,
Яке абр, гуфтӣ,[*6] баромад сиёҳ,

Ки борони ӯ буд[7] шамшеру тир,
Ҷаҳон[*8] шуд ба кирдори[9] дарёи қир.

1. ТПЗ - Ба номи накӯ гар бимирам, равост,
Маро ном бояд, ки тан маргрост.
2. Л-Ки пурхун шавӣ аз анову.
3. И-равонро.
4. ТПЗ - Бигуфтанду бархост овои кӯс,
Ҳаво тирагун шуд, замин обнӯс.
5. И-Дурӯя ба.
6. М-Ту гуфтӣ, ки абре.
7. И-борон-ш буд гурзу.
8. М-замин.
9. И-Ҷаҳоне аз ӯ шуд чу.

www.sattor.com

Зи пайкони пӯлоду парри уқоб
Сияҳ гашт рахшон рухи офтоб.

Синонҳои найза ба гард - андарун,
Ситора биполуд, гуфтӣ, ба хун.

Ҷарангидани[1] гурзаи говчеҳр,
Ту гуфтӣ ҳаме санг борад сипеҳр.

Дурахшидани теғи алмосгун
Шуда абру борони он абр хун.[2]

Ба хуну ба мағз - андарун хору хок
Шуда ғарқу тарки сарон чок-чок.

Чунин гуфт Гударз бо пирасар,
Ки «То ман ба мардӣ бубастам камар,

Надидам, ки разме бувад з-ин нишон,
На ҳаргиз шунидам зи гарданкашон,

Ки аз кушта гетӣ бад-ин сон бувад,
Яке хору дигар таносон бувад».

РАЗМИ ШАНГУЛ БО РУСТАМ ВА ГУРЕХТАНИ ШАНГУЛ

Биғуррид Шангул ба пеши сипоҳ,
«Манам, - гуфт, - гурдафкани[3] размхоҳ.

1. И-чарангидани.
2. ТПЗЛ - Гиронидани гурзҳои гарон -
Чунон чун бувад путки оҳангарон.
3. И-шеравжани.

www.sattor.com

Бубинам, ки он марди сагзӣ ба чанг*[1]
Чӣ дорад зи мардонагӣ сози ҷанг».[2]*[3]

Чу овози Шангул ба Рустам расид,
Зи лашкар нигаҳ карду ӯро бидид.

Чунин гуфт, к-«Аз кирдгори ҷаҳон
Наҷустам ҷуз ин ошкору ниҳон,

Ки бегонае з-ин бузург анҷуман
Далерӣ кунад, разм ҷӯяд зи ман.

На Шангул бимонам, на хоқони Чин,
На гурдону мардони Туронзамин».[4]

Бари Шангул омад, ба овоз гуфт,
Ки «Эй баднажоди фурӯмояҷуфт!

Маро ном Рустам кунад Золи Зар,
Ту сагзӣ чаро хонӣ, эй бадгуҳар?

Нигаҳ кун, ки сагзӣ кунун марги туст,
Кафан бегумон ҷавшану тарги туст».

Бигуфт ину баркард кӯҳи гарон,
Ба ҷанг - андарун найзаи ҷонситон.

---

1. М-куҷост.
2. И-б. 545 нест:
   ТПЗИЛ- Биронд асп то ҷойгоҳи набард,
   Даромад ба майдону овоз кард,
   Ки он ҷангҷӯ* марди сагзӣ куҷост?
   Ҳамоно гар ояд ба ҷангам, равост**.
   * И-Бубинам, ки. ** И-Яке кард хоҳам бар ӯ даст рост.
3. М-Яке кард хоҳам бар ӯ даст рост.
4. ИМ- На Сақлоб монад бар эшон, на Ҳинд,
   На шамшери чинӣ, на румӣ паринд.

www.sattor.com

Даромад бар ӯ пилтан ҳамчу бод,[*1]
Ба кин бозуи паҳлавӣ баркушод.[2]

Яке найза зад, баргирифташ зи зин,
Нагунсор карду задаш[3] бар замин.

Бар ӯ бар гузар кард, ӯро нахаст,
Ба шамшер бурд он замон тез даст.

Бирафтанд аз он рӯй кундоварон,
Ба заҳр обдода париндоварон.

Яке ҳамла карданд бар паҳлавон,
Зи туркони Сақлоб в-аз[*4] ҳиндувон.

Гирифтанд чун гӯраш андар миён,[*5]
Рабуданд Шангул зи пили жиён.[6]

Ба ҷон Шангул аз дасти Рустам биҷаст,
Зиреҳ буду ҷавшан танашро нахаст.

Гурезону рухсорагон пур зи чин,
Ҳаме рафт то пеши хоқони Чин.[7]

Чунин гуфт Шангул, ки «Ин мард нест,
Ба гетӣ кас[*8] ӯро ҳамовард нест.

---

1. М-б. 553-554 нест.
2. ТПЗИЛМ- Ҳаме гашт бо ӯ ба овардгоҳ,
   Миёни ду саф баркашида сипоҳ.
3. И-кардаш, бизад.
4. М-туркону аз чину аз.
5. М- Гирифтанд Шангул ҳам он дар миён.
   Рабудандаш аз пеши шери жиён.
6. И-б. 558, 559 нест.
7. И-б. 561 нест.
8. М-Мар.

www.sattor.com

Яке жандапил аст бар пушти кӯҳ,
Магар разм созанд ҷумла гурӯҳ.

Ба танҳо касе разми нараждаҳо
Наҷӯяд, чу ҷӯяд, наёбад раҳо».

Бад-ӯ гуфт хоқон: «Туро бомдод
Дигар буд рою дигар буд ёд».

Сипаҳро бифармуд, то ҳамгурӯҳ
Биронанд яксар ба кирдори кӯҳ.

Сарафрозро дар миён оварданд,
Танумандро сар замон оварданд.[1]

Ба шамшер бурд он замон шер даст,
Чапи лашкари чиниён баршикаст.

Ҳар он гаҳ,ки ханҷар барандохтӣ,
Ҳама дашт бетан сар[2] андохтӣ.

На бо ҷанги ӯ кӯҳро ҷой буд,
На бо хашми ӯ пилро пой буд.

Бад-он сон гирифтанд гирд-андараш,
Ки хуршед торик шуд бар сараш.

Зи бас[*3] найзаву ханҷару гурзу тир,
Ки шуд сохта бар яли шергир.

Гумон буд, к-андар наистон шудаст,
Зи хун рӯи кишвар маистон[4] шудаст.

---

1. ТП - Ба шамшер гурдони Турон гурӯҳ
   Бад-ӯ ҳамла карданд ҳар як чу кӯҳ.
2. И-роҳ тани бесар.
3. М-Чунон.
4. И-гулистон.

www.sattor.com

Ба як захм сад[*1] найза кардӣ қалам,
Хурӯшону ҷӯшон чу шери[*2] дижам.

Далерони Эрон паси пушти ӯй,
Ба кина дилогандаву ҷангҷӯй.

Зи бас найзаву гурзу кӯполу[3] теғ
Ту гуфтӣ ҳаво[4] жола борад зи меғ.

Зи кушта ҳама дашт овардгоҳ
Тану дасту сар буду таргу кулоҳ.

Баландосмон чун замин шуд зи хок,
Басе гардану бар[*5] шуда чок-чок.

Чунин гуфт лашкар ҳама ҳамгурӯҳ,
Ки аз куштагон гашт ҳомун чу кӯҳ[6]

Зи чиниву шугниву[7] аз ҳиндувӣ,
Зи сақлобу ҳарриву аз паҳлавӣ

Сипаҳ буд бар хоку дарёи кӯҳ,[*8]
Зи як мард хаста шуда ҳамгурӯҳ.

Биёвард Пирон ба Калбод рӯй,
К-«Аз ин размгаҳ шуд ҳама рангу бӯй,[9*10]

---

1. М-даҳ.
2. ҷӯшону душман.
3. И---гурзи пӯлоду.
4. ИМ-ҳаме.
5. М-зи ҳар сӯ ба ханҷар.
6. ИМ-б. 579 нест.
7. И-Шикнӣ.
8. М-Ҳаме омад аз ҷунбиши он сутӯҳ.
9. ИЛ-б. 582 нест.
10. М- Чунон гуфт Пирон ба хоқони Чин,
Ки шери жиён аст Рустам ба кин.

www.sattor.com

Ки бо ӯ ба ҷанг андарун пой нест,
Чун ӯ дар ҷаҳон лашкаророй нест.

Касе к-ӯ занад[1] з-ин сухан достон,
Набошад хирадманд ҳамдостон,

Ки пархошҷӯён се раҳ сад ҳазор
Басанда набуданд бо як савор.[2]

Аз ин кин бад ояд ба Афросиёб,
Зи Рустам куҷо ёбад орому хоб?

Ҳамоно,[3] ки моро накӯҳиш кунад,
Чу аз размҷӯӣ пижӯҳиш кунад.

Ва дигар, ки ӯро ба хашм оварӣ,
Раҳоӣ наёбад сар аз доварӣ».

РАЗМИ РУСТАМ БО СОВА

Чунин гуфт Рустам ба эрониён,
К-«Аз ин ҷанг моро наёмад зиён.

Ҳам акнун ман ин пилу ин[4] хоста,
Ҳамон тахти бо тоҷ[5]*[6] ороста

Зи чинӣ ситонам ба Эрон диҳам,
Бад-он шодмон рӯзи фаррух ниҳам.[7]

---

1. И-кунад.
2. ТПЛМ - На бозоргонест ин ҷангҷӯй,
   Зи ҳар кишваре омада пеши ӯй.
3. Л-Яке он.
4. И-Зи пилону ҳам.
5. И-Ҳам ин тахту ин ганҷи; Л-Чунин тахту ин тоҷи.
6. М-Ҳамин тахту ин тоҷи.
7. И-б. 591 нест.

www.sattor.com

Нахоҳам зи эрониён ёр кас,
Паи Рахшу Эзад маро ёр бас.

Якеро зи Сақлобу Шугнону Чин
Намонам, ки пай барниҳад бар замин,[1]

Ки имрӯз пирӯзии рӯзи мост,
Баланд осмон ахтарафрӯзи[2] мост.

Бад ояд бар эшон зи гуфтори бад,
Бад ояд ба пеши бад аз кори бад.[3]

Гар эдун, ки нерӯ диҳад додгар,
Падид оварад Рахши рахшон ҳунар.

Бар ин дашт ман гӯрсоне кунам,
Барӯмандро шӯрсоне кунам.

Яке аз шумо сӯи лашкар шавед,
Бикӯшеду бо бод ҳамбар шавед.

Бикӯшед, чун ман бичунбам зи ҷой,
Шумо барфарозед санҷу дарой.[4]

Заминро саросар кунед обнӯс,
Ба гарди саворону овои кӯс.

Бикӯбед кӯполу гурзи гарон,
Чу пӯлодро путки оҳангарон.

Зи анбӯҳи эшон мадоред бок,
Зи дарё ба абр андароред хок.

1. Л-. 593 нест.
2. ЛМ-лашкарафрӯзи; И-гетиафрӯзи.
3. И-б. 595 нест.
4. Л-б. 599 нест.

www.sattor.com

Бидарред сафҳои Сақлобу Чин,
Набояд, ки бинад ҳаворо замин.

Ҳама дида бар миғфари ман ниҳед,
Чу ман бархурӯшам, дамеду диҳед».

В-аз он ҷойгаҳ рафт чун пили маст,
Яке гурзаи говпайкар ба даст.

Хурӯшон сӯи маймана роҳ ҷуст,
Зи лашкар сӯи Кундур омад нахуст.

Ҳама маймана пок барҳам дарид,
Басе таргу сар буд, ки шуд нопадид.

Яке хеши Комус буд, Сова ном,
Сарафрозу ҳар ҷой густарда ком.

Биёмад ба пеши Таҳамтан ба ҷанг,
Яке теғи ҳиндӣ гирифта ба чанг.

Бигардид дасти чапу дасти рост,
Зи Рустам ҳаме кини Комус хост.

Ба Рустам чунин гуфт, к-«Эй жандапил,
Бубинӣ кунун мавҷи дарёи Нил.

Бихоҳам кунун кини Кимуси хор,
Набинӣ ҳаме[1] з-ин[2] сипас корзор».

Чу гуфтори Сова ба Рустам расид,
Бизад дасту гурзи гарон баркашид.

1. Л-Бубинӣ магар.
2. И-магар з-он.

www.sattor.com

Бароварду зад бар сару миғфараш,
Надидаст гуфтӣ танашро сараш.[*1]

Бияфканду Рахш аз бари ӯ биронд,
Ба гетӣ зи Сова нишоне намонд.

Аз ӯ ҷони лашкар пурозор кард,[*2]
Дурафши кашонӣ нагунсор кард.[*3]

Набуд низ пешаш касе пойдор,
Ҳаме наъли Рахшаш сар овард бор.

КУШТАНИ РУСТАМ ГАҲОРИ ГАҲОНИРО

В-аз он ҷойгаҳ[4] шуд сӯи майсара,
Ғамӣ гашт лашкар ҳама яксара.

Гаҳори Гаҳонӣ бар он ҷойгоҳ,
Гави шерфаш[5] бо дурафши сиёҳ,

Барошуфт чун тарги Рустам бидид,
Хурӯше чу шери жиён баркашид.

Бад-ӯ гуфт:[*6] «Ман кини Турону Чин[7]
Бихоҳам зи сагзӣ дар ин дашти кин.[8]

Набарди вай аз меҳтарон бо ман аст,
Дили шеру гурзи гарон бо ман аст».

1. М-Бизад бар сараш гурзро пилтан.
2. М-Ки ҷонаш бурун шуд ба зорӣ зи тан.
3. М-шуд.
4. И-маймана.
5. Л-шердил.
6. М-Ҳаме гуфт.
7. И-туронсипоҳ.
8. И-Зи Сагзӣ бихоҳам бар ин дастгоҳ.

www.sattor.com

Барангехт асп аз миёни сипоҳ,
Биёмад бари пилтан кинахоҳ.

Зи наздик чун тарги Рустам[1]*[2] бидид,
Ба рухсора шуд чун гули шанбалид.[3]

Ба дил гуфт, пайкор бо жандапил
Чу ғӯта-ст хӯрдан ба дарёи Нил.

Ту гуфтӣ барояд, дигар гуфт не,
Ду гуфторакон бо хирад ҷуфт не.*[4]

Гурезӣ ба ҳангом бо сар ба ҷой,
Беҳ аз паҳлавониву сар зери пой.[5]

Гурезон биёмад сӯи қалбгоҳ,
Назора бар ӯ-бар ба ҳар сӯ сипоҳ.

Дурафши Таҳамтан миёни гурӯҳ -
Ба сони дарахт аз бари теғи кӯҳ.

Ҳаме тохт Рустам паси ӯ чу гард,
Замин лаъл гашту ҳаво лоҷвард.

Яке найза зад бар камарбанди ӯй,
Бидаррид хафтону пайванди ӯй.

Бияндохт бар сони барги дарахт,
Ки бар шохи ӯ барзанад бод сахт.

---

1. И-ӯро.
2. М-пилтанро.
3. И-Равонаш ту гуфтӣ, зи тан барпарид.
4. М-ба ҷои б. 625,626 ин б. омада:
   Бад-ӯ гуфт, к-эй кордида Гаҳор,
   Ки Комус бо вай набуд пойдор.
5. И-б. 627 нест.

www.sattor.com

Нагунсор кард он дурафши кабуд,
Ту гуфтӣ Гаҳори Гаҳонӣ набуд.

Бидиданд гурдон, ки Рустам чӣ кард,
Чапу рост бархост гарди набард.

Дурафши ҳумоюн бибурданду кӯс,
Биёмад сарафроз Гударзу Тус.

Хурӯш омад аз бӯқи эронсипоҳ,
Чу пирӯз шуд гурди лашкарпаноҳ.

Бифармуд Рустам, к-«Аз Эрон савор
Бари ман фиристед сад номдор.

Ҳам акнун ман он пилу он тахти оҷ,
Ҳам он[1] зарру он тавқу он дурру[2]*[3] тоҷ -

Зи чинӣ ситонам,[4]*[5] ба Эрон диҳам,
Ба пирӯз шоҳи далерон диҳам».

Аз Эрон биёмад диловар ҳазор
Зиреҳдору бо гурзаи говсор.

Чунин гуфт Рустам ба эрониён,
Ки яксар бубанданд кинро миён.

Ба ҷону сари шоҳу хуршеду моҳ,
Ба хоки Сиёвуш, ба эронсипоҳ,

Ки гар номдоре зи Эронзамин
Ҳазимат пазирад зи солори Чин,

1. Л-Он ёраи?
2. Л-тоҷ.
3. М-ёраву гурзу он тавқу тоҷ.
4. Л-Ситонам зи Чину.
5. М-Ситонам зи хоқон.

www.sattor.com

Набинад магар банд ё дору чоҳ,
Ниҳода ба сар - бар зи когаз кулоҳ.

Бидонист лашкар, ки ӯ шерхӯст,
Ба чангаш сурини гавазн орзуст.

Ҳама сӯи хоқон ниҳоданд рӯй -
Сипаҳ доғдил, шоҳ дайҳимҷӯй.

Таҳамтан ба пеши сипаҳ ҳамла кард,[*1]
Инонро ба Рахши таковар сипард.[*2]

Ҳаме хун чаконид бар чарху моҳ,
Ситора назора бар он размгоҳ.

Зи бас гард, к-аз раҳгузар бардамид,
Чунон шуд, ки кас рӯи ҳомун надид.

Зи бонгӣ саворону захми синон
Набуд эч пайдо рикеб аз инон.

Ту гуфтӣ, ки хуршед дар парда шуд,
Замин зери наъл-андар озурда шуд.

Ҳаво гашт чун рӯи зангӣ сиёҳ,
Зи кушта надиданд бар дашт роҳ.

Ҳама дашт зин буду хафтону хӯд,
Танонро ҳаме дод сарҳо дуруд.

Зи гарди савор абр бар бод шуд,
Замин пур зи овози пӯлод шуд.[*3]

1. М-Сипаҳбад ба пеш он дарун ҳамла бурд.
2. М-супурд.
3. б. 654 нест.

www.sattor.com

Басе номдор аз паи ному нанг
Бидоданд бар хира сарҳо ба ҷанг.

Баровард Рустам бар он сон хурӯш,
Ту гуфтӣ, ки дарё*[1] баромад ба ҷӯш.

Чунин гуфт, к-«Ин пилу ин тахту оҷ,
Ҳамон ёраву афсару тавқу тоҷ

Ба Эрон сазовори Кайхусрав аст,
Ки ӯ дар ҷаҳон шаҳрёри нав аст.

Шуморо чӣ кор аст бо тоҷу фар,
Бад-ин зӯру ин кӯшишу ин ҳунар?

Ҳама дастҳо сӯи банд оваред,
Миёнро ба хамми каманд оваред.

Фиристам ба наздики шоҳи замин,
На Маншур монам, на хоқони Чин.

Шуморо зи ман зиндагонӣ бас аст,
Ки тоҷу нигин баҳри дигар кас аст.

Ва гар на ман ин хоки овардгоҳ
Ба наъли сутурон барорам ба моҳ».[2]

ГИРИФТОР ШУДАНИ ХОҚОН

Ба дашном букшод хоқон забон,
Бад-ӯ гуфт, к-«Эй бадтану бадравон!

Ба Эрону он шоҳу он анҷуман
Ҳаме зинҳорет бояд чу ман.

1. М-замона.
2. И-б. 655-663 нест.

www.sattor.com

Ту - Сагзӣ, ки аз ҳар касе бадтарӣ,
Ҳаме шоҳи Чин боядат лашкарӣ?»

Яке тирборон бикарданд сахт
Чу боди хазон барвазад[1] бар дарахт.

Ҳаворо бипӯшид парри уқоб,
Набинад чунон ҷанг ҷангӣ ба хоб.

Чу Гударз борони алмос дид,
Зи тимори Рустам дилаш бардамид.

Ба Руҳҳом гуфт: «Эй дирангӣ, маист,
Биҷунбон инон бо саворе[2] дувист.

Камонҳои чочиву тири ханданг
Нигаҳ дор пушти Таҳамтан ба ҷанг».

Ба Гев он гаҳе гуфт: «Баркаш сипоҳ,
Бар ин дашт бар пеши душман макоҳ.[*3]

На ҳангоми ором оромиш аст,
На рӯзи диранг асту[4] осоиш аст.

Бирав[*5] бо далерон сӯи дасти рост,
Нигаҳ кун, ки Пирону Ҳумон куҷост.

Таҳамтан нигар пеши хоқони Чин
Ҳаме осмон барзанад бар замин.

---

1. Л-барҷаҳад; И-к-ӯ ҷаҳад.
2. Л-Бирав бо камон в-аз савора.
3. М-б. 669-671 нест.
4. Л-низ аз дари рой.
5. М-Бишав.

www.sattor.com

Бад-он дида ҳаргиз мабод офарин,
Ки нафрин сиголад бар ӯ рӯзи кин!» [*1]

Барошуфт Руҳҳом ҳамчун паланг,
Биёмад ба пушти[2] Таҳамтан ба ҷанг.

Чунин гуфт Рустам ба Руҳҳоми шер,
Ки «Тарсам,[*3] ки Рахшам шуд аз кор[4] сер.

Чу ӯ суст гардад, пиёда шавам,
Ба хуну хай оҳордода шавам.

Яке лашкар аст ин чу мӯру малах,
Ту бо пилу бо пилбонон бичах.

Ҳама покашон пеши Хусрав барем,
Зи Шангону Чин ҳадяи нав барем».

В-аз он ҷойгаҳ бархурӯшиду гуфт,
Ки «Бо турки Чин Аҳриман бод ҷуфт.

Аё гумшуда бахту бечорагон,
Ҳама зору ғамхору оворагон,[*5]

Шуморо зи Рустам набуд огаҳӣ,
Ва ё мағзатон аз хирад буд тиҳӣ?[6]

Ки ӯ аждаҳоро надорад ба мард,
Ҳама пил ҷӯяд ба рӯзи набард.

1. М-б. 676 нест.
2. Л-пеши.
3. М-Битарсам.
4. И-чанг.
5. М-Ночизу ғамхорагон.
6. И-б. 684, 685 нест.

www.sattor.com

Шуморо сар аз разми ман сер нест,
Маро ҳадя ҷуз гурзу шамшер нест».

Зи фитрок букшод печон каманд,
Хами хом дар кӯҳаи зин фиканд.

Барангехт аспу[*1] баромад хурӯш,
Ҳаме аждаҳоро бидаррид гӯш.

Ба ҳар сӯ, ки хоми хам андохтӣ,
Замин аз далерон бипардохтӣ.

Набудаш ҷуз аз разми Чин орзу,
Ба бозу хами хому чин дар бурӯ.[2]

Ҳар он гаҳ, ки ӯ меҳтареро зи кин
Рабудӣ ба хамми камандаш зи зин,

Бад-ин размгаҳ-бар сипаҳдор Тус
Ба абр андарафрохтӣ бӯқу кӯс.

Бубастӣ аз Эрон яке дасти ӯй,
Зи ҳомун ниҳода сӯи кӯҳ рӯй,[3]

1. М-Рахшро.
2. И-б. 689, 690 нест.
3. Л-б. 693 нест.
ТПЗ - Чу ин дид Фартус омад ба ҷанг,
Баровехт бо пилтан чун паланг.
Таҳамтан барошуфту шуд чун наҳанг,
Гирифт аз сари зину овехт чанг.
Бияфкандаш аз кӯҳа чун Соми гурд,
Бубасташ ду дасту ба лашкар супурд.
В-аз он ҷо бишуд тозиён пеши саф,
Каманде ба бозуву гурзе ба каф.
Чу ғарча бидид он ки Рустам чӣ кард
В-аз он номдорон баровард гард.
Барошуфт бар хештан ҷангҷӯй,
Ба тезӣ сӯи разм бинҳод рӯй.

www.sattor.com

Нигаҳ кард хоқон аз он пушти пил,
Замин дид ҷунбон чу[*1] дарёи Нил.

Яке пил бар пушти кӯҳи баланд
Ба чанг-андар аз чарми шерон[*2] каманд.

Ҳаме каргас овард аз абри сиёҳ,
Ситора назора бар он ҷангу[3] моҳ.[4]

Яке номдоре зи лашкар биҷуст,
Ки гуфтори Эрон бидонад дуруст.

Бад-ӯ гуфт: «Рав пеши он шермард,
Бигӯяш, ки тундӣ макун дар набард.

Чағониву Шугниву Чиниву Ваҳр
Аз ин кина дар дил надоранд баҳр.

Яке шоҳи Хатлон, яке шоҳи Чин
Зи бегона мардум туро нест кин.[5]

Абар пилтан тирборон гирифт,
Камонро чу абри баҳорон гирифт.
Таҳамтан бияндохт хамми каманд,
Миёни далер андаромад ба банд.
Ба эрониён доду худ боз гашт,
Дамон сӯи Колуй омад ба дашт.
Чу Колу бидид, андаромад ба пушт,
Яке гурзу як теғи ҳиндӣ ба мушт.
Бизад бар сару тарги Рустам чу бод,
Гави номвар найзаро баркушод.
Бизад пас буни найза Колуйро,
Рабудаш чу чавгон ҳаме гӯйро.
Бияфканд аз пушти зини ҳаданг,
Бубаста ду дасташ ба чарми паланг.

1. М-бар сони.
2. М-далерон гирифтори хамми.
3. Л-Назора ситора бар он хайлу моҳ; И-бад-он размгоҳ.
4. ТПЗЛ- Чу хоқон аз он пушти пили сафед
   Варо дид, бубрид аз дил умед.
5. И-б. 699, 700 нест.

www.sattor.com

Яке шаҳрёр аст Афросиёб,
Ки оташ ҳамоно надонад зи об.

Ҷаҳоне бар ин гуна кард анҷуман,
Бад овард аз ин разм*[1] бар хештан.

Касе нест бе озу*[2] бе ному нанг,
Ҳамон оштӣ беҳтар ояд зи ҷанг».[3]

Фиристода омад бари пилтан,
Забон пур зи гуфтору дил пуршикан.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй меҳтари размҷӯй,
Чу размат сар омад, кунун базм ҷӯй.[4]

Надорӣ ҳамоно, зи хоқони Чин,
Зи кори гузашта ба дил ҳеч кин.

Чу ӯ бозгардад, ту з-ӯ боз гард,
Ки акнун сипаҳро сар омад[5] набард.

Чу Комус бар дасти ту кушта шуд,
Сари сарфарозон*[6] ҳама гашта шуд».

Чунин дод посух, ки «Пилону тоҷ
Ба наздики ман[7] бояду тахти оҷ.[8]

---

1. М-кина.
2. М-бе обу.
3. ТПЗ - Биё, то ба ҳам аҳду паймон кунем
   В-аз он пас чу хоҳӣ, гаравгон кунем.
   Фиристем ҳар сол ҳам боҷу сов
   Ба назди сипаҳдор сад чарми гов.
4. И-б. 705 нест.
5. И-сар омад саронро.
6. М-размҷӯён.
7. Л-мо.
8. ТПЗ-ба ҷои б. 709 ин б. омада:
   Чунин номвар чанд коҳӣ зи мо,
   Чӣ кардем бо ту, чӣ хоҳӣ зи мо?

www.sattor.com

Ба торочи Эрон ниҳодед рӯй,
Чӣ бояд кунун лобаву гуфтугӯй?

Чу донад, ки лашкар ба чанги ман аст,
Шитоби сипоҳ аз диранги ман аст.[1]

Бубахшам сараш, тавқу тоҷаш марост,
Ҳамон пил бо тахти оҷаш марост».

Фиристода гуфт: «Эй худованди Рахш,
Ба дашт оҳуи ногирифта мабахш.

Ҳама дашт мард асту пилу сипоҳ,
Чу хоқон, ки бо тоҷу ганҷ асту гоҳ.

Кӣ донад, ки худ чун бувад рӯзгор,
Кӣ пирӯз баргардад аз корзор?»

Чу бушнид Рустам, барангехт Рахш,
«Манам, - гуфт, - шеравжани тоҷбахт.

Танам[2] зӯрманду ба бозу каманд,
Чӣ рӯзи фусӯс асту ҳангоми панд?[3]

Чу[4] хоқони чинӣ каманди маро,
Чу[5] шери жиён даст банди маро

Чунин чанд бошӣ ба хунрехтан,
Нагашта дилат сер аз овехтан?
Чу баргуфт гуфтори хоқон бад-ӯй,
Чунин дод посух гави номҷӯй.
1. ТПЗ - Ба хоҳиш ҳаме боз ҷунбонадам,
Магар, к-аз фурӯмоягон донадам.
2. ИЛМ-Ба тан.
3. ИЛ-Сари шоҳи Чин андарорам ба банд.
4. ИЛ-Чи.
5. ИЛ-б. 719 нест.

www.sattor.com

Бубинад, гирифтор хоҳад шудан,
Зи ҷон низ безор хоҳад шудан».[1]

Бияндохт он тобдода каманд,
Сарони[2] саворон ҳаме кард банд.

Биёмад[3] ба наздики пили сапед,
Шаҳаншоҳи Чин шуд зи ҷон[4] ноумед.[5]

Каҷак бар сари пил зад шоҳи Чин,
Биғуррид чун тундури фарвадин.

Даровард бар чанг жӯпини ҷанг,
Бияндохт бар Рустами тезчанг,

Ки шояд ба Рустам шикаст оварад,
Сари номдораш ба даст оварад.

Чу жӯпин ба Рустам нашуд коргар,
Бияндохт Рустам камандаш зи бар.[*6]

Чу аз дасти Рустам раҳо шуд каманд,
Сари шаҳрёр[*7] андаромад ба банд.

Зи пил андароварду зад бар замин,
Бубастанд бозуи хоқони Чин.

Пиёда ҳаме ронд то рӯди Шаҳд,
На пилу на тахту на тоҷу на маҳд.

---

1. ИЛ-б. 719 нест.
2. ИМ-Миёни.
3. ИМ-Чу омад.
4. И-Шуд он шоҳи Чин аз равон.
5. ЛМ - Гави пилтан Рустами Золи Сом
   Дарандохт бар шоҳ он хамми хом.
6. М-б. 722-725 нест.
7. М-номдор.

www.sattor.com

Супурдаш бад-он рӯзбонони Тус,
Сипаҳбад ба гардун барафрохт кӯс.[1]

Чунин аст расми сарои фиреб,
Гаҳе бар фарозу гаҳе бар нишеб.

Чунин буд, то буд гардон сипеҳр,
Гаҳе ҷанг заҳр асту гаҳ нӯшу меҳр.

Якеро барорӣ ба чархи баланд,
Якеро кунӣ хору зору нажанд.[*2]

Якеро зи моҳ андарорӣ ба чоҳ,
Якеро зи чоҳ андарорӣ ба моҳ.[*3]

Якеро барориву шоҳӣ диҳӣ,
Якеро ба дарё ба моҳӣ диҳӣ.

На бо он-т меҳру на бо ин-т кин,
Ки беҳдон туӣ, эй ҷаҳонофарин.

Ҷаҳонро баландиву пастӣ туӣ,
Надонам чиӣ, ҳар чӣ ҳастӣ, туӣ[4]!

ШИКАСТА ШУДАНИ СИПОҲИ ТУРОНИЁН

Таҳамтан[5] ба гурзи гарон даст бурд,
Бузургаш ҳамоно ҳамон буд хурд.

---

1. ИЛ_б. 729 нест.
2. М-Пас аз б. 732 ин б. омада:
   Якеро зи тахти каӣ даркашад,
   Якеро зи хоки сияҳ баркашад.
3. М-б. 733.
4. ИЛ-б. 732-736 нест:
   ТПМ- Зи ту шодмониву аз ту ғамист,
   Якеро фузунӣ дигарро камист,
   Якеро бидорӣ дигарро бидеҳ,
   Миёни ду озода кина манеҳ.
5. Л-Аз он пас; И-В-аз он пас.

www.sattor.com

Чунон шуд дару дашти овардгоҳ,
Ки шуд танг бар мӯру бар пашша роҳ.

Зи бас куштаву хаста шуд ҷӯи хун,
Яке бесару дигаре сарнагун.

Чу он бахти тобанда торик шуд,
Ҳамоно ба шаб рӯз наздик шуд.

Баромад яке боду абри сиёҳ,
Бишуд[1] равшаноӣ зи хуршеду моҳ.

Сар аз пой душман надонист боз,
Биёбон гирифтанду роҳи дароз.

Нигаҳ кард Пирон бад-он корзор,[*2]
Чунон тира буд гардиши рӯзгор -[*3]

Ба Маншуру Фартусу хоқони Чин,
Бад-он номдорони Туронзамин.[*4]

Дурафши бузургон нагунсор дид,
Ба хок-андарун хастагон[5] хор дид.

Ба Настеҳани гурду Калбод гуфт,
Ки «Жӯпину ханҷар бибояд нуҳуфт».

Нагунсор кард он дурафши сиёҳ,
Бирафтанд пӯён ба бероҳу роҳ.[*6]

1. И-Ки шуд.
2. М-размгоҳ.
3. М-Ҳуру моҳ.
4. М-пойдоранду гурдони кин.
5. И-куштагон
6. М-Бирафтанд ларзон аз он размгоҳ.

www.sattor.com

Ҳама маймана Гев тороҷ кард,
Дару дашт чун парри дурроҷ кард.

Бичуст аз чапи лашкару дасти рост,
Бад-он то бидонад, ки Пирон куҷост.

Чу ӯро надиданд, гаштанд боз
Далерон сӯи Рустами кинасоз.[*1]

Табаҳ гашт аспони ҷангӣ зи кор,
Ҳама хаставу ранҷа дар корзор.

Бирафтанд бо коми дил сӯи кӯҳ,
Таҳамтан ба пеш-андарун бо гурӯҳ.

Тан аз ҷанг хаста, дил аз разм шод,
Ҷаҳонро чунин аст созу ниҳод.

Ҳама таргу ҷавшан ба хуну ба хок
Шуда ғарқу баргустувон чок-чок.

Пур аз хун сару пову теғу рикеб,
Зи кушта на пайдо фарозу нишеб.

Чунин то ба шустан[2] бипардохтанд,
Яке аз дигар бознашнохтанд.

Сару тан бишустанду дил шуста буд,
Ки душман ба банди гарон баста буд.

ХОСТА БАХШ КАРДАНИ РУСТАМ

Чунин гуфт Рустам ба эрониён,
Ки «Акнун бибояд кушудан миён.

1. М-бари Рустами сарфароз.
2. И-зи куштан.

www.sattor.com

Ба пеши худованди пирӯзгар
На кӯпол бояд, на ганҷу камар.[*1]

Ҳама сар ба хоки сияҳ барниҳед,
Аз он пас ҳама тоҷ бар сар ниҳед,

К-аз ин номдорон яке нест кам,
Ки акнун шудастӣ дили мо дижам.

Чу огоҳӣ омад ба шоҳи ҷаҳон,
Ба ман бозгуфт ин сухан ногаҳон,[2]

Ки Туси сипаҳбад ба кӯҳ омадаст,
Зи Пирону Ҳумон[3] сутӯҳ омадаст.

Ман аз гуфтаи шоҳ рафтам зи ҳуш,
Баромад зи пайкор мағзам ба ҷӯш.

Зи Гударзу Баҳром в-аз Ревниз
Дилам тиратар гашт бар сони шиз.

Аз Эрон ҳаме тохтам тезҷанг,
Замоне ба ҷое накардам[*4] диранг.

Чу чашмам баромад ба хоқони Чин,
Бар он номдорону мардони[*5] кин,

Ба вижа ба Комусу он фарру бурз,
Чунон ёлу он шоху он дасту гурз,

Ба дил гуфтам, омад замонам ба сар,
Ки то ман ба мардӣ бубастам камар,

1. М-тиру сипар.
2. И-дар ниҳон.
3. И-хоқон.
4. М-раҳ бар накардам.
5. М-гурдони.

www.sattor.com

Аз ин беш мардону з-ин беш соз
Надидам ба ҷое ба умри дароз.

Расидам ба девони Мозандарон,
Шаби тираву гурзҳои гарон.

Зи мардӣ напечид ҳаргиз дилам,
Бигуфтам, ки аз ҷону дил[1]*[2] бугсилам.

Бад-ин разм торик шуд рӯзи ман,
Сиёҳ шуд дили гетиафрӯзи ман.

Кунун гар ҳама пеши Яздони пок
Биғалтем бо дард як-як ба хок,

Сазовор бошад, ки ӯ дод зӯр,
Баланд ахтару бахши кайвону ҳур.

Мабодо, ки ин кор гирад[3] нишеб,
Мабодо, ки ояд ба мо-бар нишеб.

Дигар он[4] ки корогаҳон ногаҳон
Баранд огаҳӣ з-ин ба шоҳи ҷаҳон.

Биёрояд он номвар пешгоҳ,
Ба сар барниҳад хусравонӣ кулоҳ.

Бубахшад ба дарвеш бисёр[5] чиз,
Ки бар ҷони ӯ офарин бод низ!

1. ИЛ-Нагуфтам, ки аз орзу.
2. М-Нагуфтам, ки ҳаргиз зи ҷон.
3. ИЛ-гардад.
4. Л-Нигаҳ кун.
5. И-фаровон ба дарвеш.

www.sattor.com

Кунун ҷомаи разм берун кунем,
Ба осоиш оромиш афзун кунем.

Ғаму коми дил бегумон бугзарад,
Замона дами мо ҳаме бишмарад.

Ҳамон беҳ, ки мо ҷони май бишмарем,
Бар ин чархи номеҳрубон нангарем.

Кунун май гусорем то ними шаб,
Ба ёди бузургон кушоем лаб.

Сипос аз ҷаҳондори[1] пирӯзгар,
К-аз ӯяст мардиву бахту[2] ҳунар,

Сазад гар дил андар сарои сипанҷ
Надорем чандин ба дарду ба ранҷ.

Бузургон бар ӯ хонданд офарин,
Ки «Бе ту мабодо кулоҳу нигин!

Писандида бод он нажоду гуҳар,
Ҳамон мом, к-ӯ чун ту зояд писар.

Касеро ки чун пилтан гавҳар[3] аст,
Зи гардуни гардон сараш бартар аст.

Ту донӣ, ки бо мо чӣ кардӣ зи меҳр,
Ки аз ҷони ту шод бодо сипеҳр!

Ҳама кушта будему баргаштарӯз,
Ба ту зинда гаштему гетифурӯз».

1. И-худованди.
2. И-ҷангу.
3. Л-кеҳтар; И-меҳтар.

www.sattor.com

Бифармуд, то пил бо тахти оҷ
Биёранд бо тавқи заррину тоҷ.

Маи хусравонӣ биёварду ҷом,
Нахустин зи шоҳи ҷаҳон бурд ном.[1]

Чу хуррам шуд аз май ҷаҳонпаҳлавон,
Бирафтанд шодону равшанравон.

Чу пероҳани шаб бидаррид моҳ,
Ниҳод аз бари чарх пирӯза гоҳ.[*2]

Талоя пароканда бар кӯҳу дашт
Чу занги диранги шаб андаргузашт.

Падид омад он ханҷари тобнок,
Ба кирдори ёқут шуд рӯи хок.

Табира баромад зи пардасарой,
Бирафтанд гурдони лашкар зи ҷой.

Чунин гуфт Рустам ба гарданкашон,
Ки «Ҷое наёмад зи Пирон нишон

Бибояд шудан сӯи он размгоҳ,
Зи[3]ҳар сӯ фиристод бояд сипоҳ».

Бишуд пешрав Бежани шермард,
Ба ҷое куҷо буд дашти набард.

Ҷаҳон дид пуркуштаву хоста,
Ба ҳар сӯ яке ганҷи ороста.[*4]

---

1. ТПЗИЛ- Бизад каррной аз паси пушти пил,
   Ҳаме рафт овоз бар чанд* мил.
   * ИЛ-овозашон бар ду.
2. М-пирӯза гоҳ.
3. ИЛ-Ба.
4. нишаста биёроста.

www.sattor.com

Ҳама рӯи ҳомун пур аз хаста дид,
Ба хок-андар афкандаву баста дид.[1]

Надиданд зинда касеро ба ҷой,
Замин пур зи хиргоҳу[2] пардасарой.

Ба наздики Рустам расид огаҳӣ,
Ки шуд рӯи кишвар зи туркон тиҳӣ.

Зи номардиву[3] хоби эрониён
Барошуфт Рустам чу[4] шери жиён.

Забонро ба дашном букшоду гуфт,
Ки «Касро хирад нест бо мағз ҷуфт.

Бад-ин гуна душман миёни ду кӯҳ,
Сипаҳ чун гурезад замон[5] ҳамгурӯҳ.

Талоя нагуфтам, ки берун кунед,
Дару роғ чун дашту ҳомун кунед?

Шумо сар ба осоишу хобгоҳ
Супурдеду душман ба ранҷу ба роҳ.

Таносон ғаму ранҷ бор оварад,
Чу ранҷ оварӣ, ганҷ бор оварад.

Чӣ гӯям, ки рӯзе таносон шавам,
Зи тимори Эрон ҳаросон шавам».

---

1. И - Пароканда кишвар пур аз кушта дид,
Чунон бахти бадхоҳ баргашта дид.
2. И-буду хиргоҳ.
3. И-бебокиву.
4. И-бар сони.
5. Л-ҳама.

www.sattor.com

Барошуфт бо Тус ҳамчун паланг,
Ки «Ин ҷои хоб аст, ё дашти ҷанг?[1]

Аз ин пас ту Ҳумону Калбодро,
Чу Пирону Рӯину Пӯлодро

Нигаҳ кун бар ин дашт бо лашкаре,
Ту аз кишваре, Рустам аз кишваре.

Агар тов[2] доред, ҷанг оваред,
Маро з-ин сипас кай ба чанг оваред.

Чу пирӯз баргаштам аз корзор,
Табаҳ шуд ҳама карда фарҷоми кор.

Талоя нигаҳ кун, ки аз хайли кист,
Сароҳанги ин дударо ном чист.

Чу марди талоя биёбӣ, ба чӯб
Ҳам андар замон дасту пояш бикӯб.

Аз ӯ чиз бистону пояш бубанд,
Бинеҳ бар яке пушти пили баланд,

Бад-ин сон фиристаш ба наздики шоҳ,
Магар кушта гардад бад-он боргоҳ.

Зи динор в-аз гавҳару тахти оҷ,
Зи дебову аз афсару ганҷу тоҷ

Нигар то кӣ дорад аз эронсипоҳ,
Ҳама хоста яксара пеш*[3] хоҳ.

1. Л-б. 812 нест.
2. И-тоб.
3. М-ҳарчи буд.

www.sattor.com

Бар ин дашт бисёр шоҳон буданд,
Ҳама номдорони кайҳон буданд -

Зи Чину зи Сақлобу аз Ҳинду Ваҳр,
Ҳама ганҷдорони гирандашаҳр.

Аз он ҳадяи шоҳ бояд нахуст,
Пас он гаҳ марову туро баҳра ҷуст».

Сипаҳбад биёмад, ҳама гирд кард,
Бирафтанд гурдон ба дашти набард.

Камарҳои заррину бечода[*1] тоҷ,
Зи дебои румиву аз тахти оҷ,

Зи тиру камону зи баргустувон,
Зи кӯпол в-аз ханҷари ҳиндувон.

Яке куҳ буд дар миёни ду кӯҳ,
Назора шуда гирдаш-андар гурӯҳ.

Камонкаш саворе кушодабаре,
Ба тан зӯрмандеву кундоваре

Ҳаданге бияндохтӣ чорпар,
Аз ин сар бад-он сар накардӣ гузар.

Чу Рустам нигаҳ кард, хира бимонд,
Ҷаҳонофаринро фаровон бихонд.

Чунин гуфт, к-«Ин рӯзи нопойдор
Гаҳе базм созад, гаҳе корзор.

Ҳаме гардад ин хоста з-он бад-ин,
Ба нафрин диҳад гаҳ, гаҳе б-офарин.

1. М-пирӯза.

www.sattor.com

Яке ганҷ аз ин сон ҳаме парварад,
Яке[1] дигар ояд, аз[2] ӯ бархӯрад.

Бар он буд Комусу хоқони Чин,
Ки оташ бароранд аз Эронизамин.

Бад-ин жандапилону ин хоста,
Бад-ин лашкару ганҷи ороста

Ба[3] ганҷу ба анбӯҳ буданд шод,
Замоне зи Яздон накарданд ёд,

Ки чарху замину замон офарид,
Басе[*4] ошкору ниҳон офарид.[5]

Сипаҳ буду ҳам ганҷи обод буд,
Сиголиш ҳама кори бедод буд.[6]

Кунун ин бузургони ҳар кишваре
Гузида зи ҳар кишваре меҳтаре.

Бар ин жандапилон фиристам ба шоҳ,
Ҳамон[7*8] тахти заррину заррин кулоҳ.

---

1. ИЛМ-Каси.
2. Л-к-аз.
3. И-Зи.
4. М-Ҳама.
5. ТПЗ - Зи Яздон шиносу зи Яздон сипос,
   Бад-ӯ биградвад марди некишинос.
   Аз ӯ будамон зӯру з-ӯ фарраҳӣ
   В-аз ӯ судмандӣ, аз ӯмон беҳӣ.
6. ТПЗ- Чу аз покяздон накарданд ёд,
   Нагаштанд аз гашти ин чарх шод.
7. И-Ҳаме.
8. М-Ҳамин.

www.sattor.com

Ҳам[1] ин хоста бар ҳаюнони маст
Фиристам сазовор, чизе ки ҳаст.[2]

В-аз эдар шавам тозиён то ба Ганҷ,
Дирангӣ на воло бувад марди ҷанг.

Касе к-ӯ гунаҳкору хунӣ бувад,
Ба кишвар бимонад, забунӣ бувад.

Ба хунӣ якояк бишӯем даст,[*3]
Бадонро намонам, ки ёбад нишаст.[*4]

Сари бутпарастон дарорам ба хок,
Падид оварам роҳи Яздони пок».[5]

Бад-ӯ гуфт Гударз, к-«Эй некрой,[6]
Ту то ҷой монад,[7] бимонӣ ба ҷой».

Таҳамтан фиристодаеро биҷуст,
Ки бо шоҳ густох бошад нахуст.

Фарибурзи Ковусро баргузид,
Ки бо шоҳ наздикӣ ӯро сазид.

---

1. И-Ҳаме.
2. ТПЗЛ - Ҷаҳонро ба теғу ба нерӯи даст
Кушоям саросар бад-он сон, ки ҳаст*.
Намонам баду бадкунонро ба даҳр,
Ба ҳар кас расонам аз ин теғ баҳр.
* Л-танҳо б. якум мавҷуд аст.
3. М-Ҷаҳонро ба ханҷар бишӯям нахуст.
4. М-монад дуруст.
5. ИЛ-б. 847 нест.
6. И-покроё.
7. И-бошад.

www.sattor.com

Чунин*[1] гуфт, к-«Эй меҳтари номдор,
Ҳам аз тухми шоҳиву ҳам шаҳрёр.[2]

Ҳунарманд, бодонишу бонажод,
Ту шодиву ин дигарон*[3] аз ту шод.[4]

Яке ранҷ баргир, аз эдар бирав,
Бубар номаи ман бари шоҳи нав.

Або хештан бастагонро бубар,
Ҳаюнону ин хоста сар ба сар.

855 Ҳамон ёраву афсару тавқу тоҷ,
Ҳамон жандапилони ботахти[5] оҷ».

Фарибурз гуфт: «Эй ҳизабри жиён,
Манам роҳро танг баста миён».

НОМА НАВИШТАНИ РУСТАМ БА КАЙХУСРАВ

Дабири ҷаҳондидаро пеш хонд,
Сухан ҳар чӣ боист, бо ӯ биронд.

Ба фармон-ш бар номаи хусравон
Зи анбар навиштанд бар парниён.

Сари нома кард офарини Худой,
«Куҷо ҳасту бошад ҳамеша ба ҷой.

1. М-Бад-ӯ.
2. ТПЗ - Ки аз мо накӯрою боҳуш туӣ,
Бари шаҳ ба ҷои Сиёвуш туӣ.
3. М-шодониву кеҳтарон.
4. ТПЗЛ- Набошад чу ту дар ҷаҳон дигаре,
Диловар ҷавоне, ҳунарпарваре.
5. Л-жандапилону он.

www.sattor.com

Барорандаи моҳу кайвону ҳур,
Нигорандаи фарру дайҳиму зӯр.

Сипеҳру замину замон они ӯст,[*1]
Равону хирад зери фармони ӯст.[*2]

Аз[3] ӯ офарин бод бар шаҳрёр,
Замона мамонод аз ӯ ёдгор.

Расидам ба фармон миёни ду кӯҳ,
Сипоҳи се кишвар шуда ҳамгурӯҳ.

Ҳамоно, ки шамшерзан сад ҳазор
Зи душман фузун буд дар корзор.

Кашониву Шугниву[4] Чиниву Ҳинд -
Сипоҳе зи Чин то ба дарёи Синд.

Зи Кашмир то домани кӯҳи Шаҳд
Саропардаву пил дидему маҳд.

Натарсидам аз давлати шаҳрёр,
Баровардам аз размгаҳшон димор.

Чиҳил рӯз пайвастамон ҷанг буд,
Ту гуфтӣ бар эшон ҷаҳон танг буд.

Ҳама шаҳрёрони кишвар буданд,
Або ганҷу[5] бо тахту афсар буданд.

Миёни ду кӯҳ аз бари роғу дашт
Зи хуну зи кушта нашояд гузашт.

1. М-офарид.
2. М-Хирадрову динрову ҷон офарид.
3. И-В-аз.
4. ИЛ-Шикнӣ.
5. ИМ-Ки бо тоҷу.

www.sattor.com

Ҳамоно, ки фарсанг бошад чиҳил,
Пароганда аз хун замин пур зи[*1] гил.

Саранҷом аз ин давлати дерёз
Сухан гӯям, ин нома гардад дароз.[2]

Ҳама[3] шаҳрёрон, ки бастам ба банд,
Зи пилон гирифтам ба хамми каманд.

Фиристодам инак бари шаҳрёр
Або ҳадяву гавҳари шоҳвор.[4]

Сӯи ҷанг дорам кунун рою рӯй,
Магар пеши теғи[5] ман ояд Гурӯй.

Сарашро кунам афсари найза ман,
Ба кини Сиёвуш сари анҷуман.[*6]

Забонҳо пур аз офарини ту бод,
Сари чархи гардон замини ту бод!»[7]

Чу нома ба мӯҳр андаромад, бидод
Ба дасти Фарибурзи хусравнажод.

Або шоҳу пилу ҳаюн се ҳазор-
Аз он размгаҳ барниҳоданд бор.

Фарибурзи Ковус шодон бирафт,
Ба наздики Хусрав хиромид тафт.

---

1. М-ҳамчун.
2. ТПЗЛ - Ҳамоно, ки шамшерзан сӣ ҳазор
   Зи душман фикандам гаҳи корзор.
3. Л-Ҳамон.
4. Л-б. 874 нест.
5. Л-гурзи.
*2 М-гавҳари бешумор.
6. М-б. 875 нест.
7. И-б. 874-877 нест.

www.sattor.com

Ҳаме рафт бо ӯ гави пилтан,
Бузургону гурдони он анҷуман.

Ба падруд кардан гирифташ канор,
Биборид об аз мижа шаҳрёр.

Чу зулфи шаби тира[1] омад падид,
Аз он ҷойгаҳ сӯи лашкар кашид.

Нишастанд бо ромишу руду май,[2]
Яке масти руду дигар масти най.[3]*[4]

Бирафтанд аз он пас ба ороми хеш,
Гирифта ба бар ҳар касе*[5] коми хеш.

Чу хуршед бо ранги динори зард
Ситам кард бар пардаи лоҷвард.

Ҳамон гаҳ зи даҳлези пардасарой
Баромад хурӯшидани карриной.

Таҳамтан миён тохтанро бубаст,
Бар он бораи тезтаг*[6] барнишаст.

Бифармуд, то тӯша бардоштанд,
Ҳаме*[7] роҳи душвор бугзоштанд.

1. ИЛМ-ҷаъди ду зулфи шаб.
2. ИЛ-най.
3. ИЛ-Ба як даст руду ба як даст май.
4. М-Ҳама номдорони фархундапай.
5. М-ҳар яке.
6. М-кӯҳпайкар.
7. М-Ҳама.

www.sattor.com

Биёбон гирифтанду роҳи дароз,
Ҳама шуд[*1] чунон лашкари размсоз.[2]

Таҳамтан чунин гуфт бо Тусу[*3] Гев,[4]
Ки «Эй номдорону гурдони[*5] нев,

Ман ин бор танг андароям ба ҷанг,
Бадандешагонро бувад ҷой[6] танг.

Кӣ донист, к-ин чорагар марди Синд
Сипоҳ орад аз Чину Сақлобу Ҳинд?

Ман ӯро чунон масту беҳуш кунам,
Танаш хоки гӯри Сиёвуш кунам,

Ки аз Ҳинду Шангону Сақлобу Чин
Нахонанд аз он пас[*7] бар ӯ офарин».

Бизад кӯсу аз дашт бархост гард,
Ҳаво пур зи гарду замин пур зи мард.

Аз он номдорони пархошҷӯй
Ба абр андаромад ҳаме гуфтугӯй.

Ду манзил бирафтанд аз он размгоҳ,
Ки аз кушта буд рӯи гетӣ сиёҳ.

1. М-Биёмад.
2. Л-б. 890 нест.
3. М-Чунин гуфт бо Тусу Гударзу.
4. ИЛ-Чунин гуфт бо Тусу Гударзу Гев.
5. М-мардони.
6. И-шавад кор.
7. М-дигар.

www.sattor.com

Яке бешае диду[*1] омад фуруд,
Сияҳ шуд зи лашкар ҳама дашту рӯд.[2]

Ҳаме буд бо ромишу май ба даст,
Яке шоду хуррам, яке хуфта маст.

Фиристода омад зи ҳар кишваре,
Зи ҳар номдореву ҳар меҳтаре.

Або[3] ҳадяву созу чандин[*4] нисор
Бибурданд наздики он номдор.[5]

ПОСУХИ НОМАИ РУСТАМ АЗ КАЙХУСРАВ

Чу бугзашт аз он достон рӯз чанд,
Зи гардиш наёсуд чархи баланд.

Кас омад бари шоҳи эронсипоҳ,
Ки омад Фарибурзи Ковусшоҳ.

Пазира шудаш шоҳу кундоварон,[6]
Або бӯқу кӯсу сипоҳи гарон.[7]

1. М-беша диданду.
2. ТПЗ - Бар он беша буданд якчанд гоҳ,
   Баросуд лашкар ҳам аз ранҷи роҳ.
   ИЛ-пас аз б. 899 ин б. омада, ки баъд аз б. 902 бештар мувофиқат доранд:
   Ҳар он чиз, к-он аз дари* шоҳ буд,
   Фарибурз аз он дасткӯтоҳ** буд.
   Бубахшид дигар*** ҳама бар сипоҳ,
   Бичунбид як тан**** аз он рамгоҳ.
   * Н-баҳраи ** И-Фарибурзро даст кӯтоҳ. ***И-яксар; **** И-дам.
3. ЛМ-Басе.
4. М-чанде.
5. ТПЗ - В-аз он сӯ Фарибурзи Ковусшоҳ
   Сӯи шоҳи Эрон бипаймуд роҳ.
6. ИМ-бо сипоҳи гарон.
7. И-Ҳама номдорону кундоварон.

www.sattor.com

Фарибурз наздики Хусрав расид,
Заминро бибӯсид, к-ӯро бидид.

Басе офарин кард бар шаҳрёр,
Бигуфто, ки «Эй шоҳи беҳрӯзгор,[*1]

Сипеҳри баланд аз ту дилшод бод,
Ҷаҳоне ба доди ту обод бод!

Бад-ӯ дод он номаи паҳлавон,
Фурӯ хонд он хусрави хусравон.

Шигифтӣ фурӯ монд аз он размгоҳ,
Куҷо гуфта буд паҳлавони сипоҳ.[2*3]

Нигаҳ кард Хусрав бар он бастагон,
Ҳаюнону пилону он хастагон.

Инонро бупечиду омад ба роҳ,
Зи сар баргирифт он каёнӣ кулоҳ.

Фуруд омаду пеши[4] Яздон ба хок
Биғалтиду гуфт: «Эй ҷаҳондори пок,

Ситамгорае кард бар ман ситам,
Маро бепадар кард бо дарду ғам.

Ту аз дарду ғамҳо раҳонидиям,
Бад-ин тоҷу давлат расонидиям.

1. М-ситудаш фаровон шаҳи номдор.
2. ИЛ-б. 907-910 нест.
3. М-б. 908-910 нест.
4. И-назди.

www.sattor.com

Замину замон пеши ман банда шуд,
Ҷаҳон пур[*1] зи[2] ганҷи ман оганда шуд.

Сипос аз ту дорам, на аз[*3] анҷуман,
Яке ҷони Рустам ту мастон зи ман».

Чу ин гуфт, аз он ҷойгаҳ бозгашт,[4]
Бар он[*5] пилу он бастагон баргузашт.[6]

Бифармудашон, то ба зиндон баранд,
Ба наздики он мустамандон баранд.[7]

В-аз он пас бифармуд, то ҳар чӣ буд,
Бибурданд наздики ганҷур зуд.

Яке хуррам айвон бипардохтанд,
Ҳамон ҷои хоқони Чин сохтанд.[8]

Ҳама рӯз шаҳ[9] нома посух навишт,[10]
Ба боғи бузургӣ дарахте бикишт.

Нахуст офарин кард бар кирдгор,
К-аз ӯ дид пирӯзии[11] корзор.

Худованди хуршеду гардонсипеҳр,
К-аз ӯй аст пархошу пайванду меҳр.

---

1. М-Ҷаҳоне.
2. И-Ҷаҳоне ба.
3. М-ба ҳар.
4. И-Бизад аспу з-он ҷойгаҳ баргузашт.
5. М-Абар
6. И-бозгашт.
7. ИЛМ - Басе офарин кард бар паҳлавон,
   Ки бе ӯ мабодо замину замон*.
   * И – Ки ӯ бод шодону равшанравон.
8. ИЛ-б. 920-921 нест.
9. ИЛМ-Ба айвон шуду.
10. И-набишт.
11. ИЛ-неку бади.

www.sattor.com

Сипеҳре, бар ин гуна бар пой кард,
Шабу рӯзро гетиорой кард.

Якеро чунин тирабахт офарид,
Якеро сазовори тахт офарид.

Ғаму шодмонӣ зи Яздони пок,[1]
К-аз ӯй аст мардиву ҳам тарсу бок.[2]

В-аз он пас чунин гуфт, к-«Эй паҳлавон,
Ту[3] покизатан бошу[4] равшанравон.[5]

Расид он чи гуфтӣ бад-ин боргоҳ,
Асирону пилону тахту кулоҳ,

Зи дебои чиниву аз тахти оҷ,
Зи аспони тозиву аз тавқу тоҷ.

Ҳаюнони бисёру афкандани,
Зи пӯшиданӣ ҳам пароканданӣ.[6]

Ҳама олати нозу[7] сур асту базм,
Ба пеши ту з-он сон кӣ ояд ба разм?

Магар он касе к-аш сар ояд зи пеш,
Бар ин гуна сер ояд аз ҷони хеш.

В-аз он ранҷ бурдан ба туронсипоҳ,
Шабу рӯз будан ба овардгоҳ.

1. ИМ-Яздон шинос.
2. ИМ-ҳар гуна моро сипос.
3. И-Ки.
4. И-боду.
5. Л-б. 928 нест.
6. И-зи густурданӣ.
7. ИЛ-олату созӣ.
*1 М-б. 919-921 нест.

www.sattor.com

Зи корат хабар буд маро[*1] рӯзу шаб,
Кушода накардам ба бегона лаб.

Шабу рӯз дар пеши Яздони пок[*2]
Навон будаму дил шуда чок-чок.[*3]

Касеро, ки Рустам бувад паҳлавон,
Сазад, гар бимонад ҳамеша ҷавон.[4]

Парастанда чун ту надорад сипеҳр,
Зи бахти ту ҳаргиз мабуррод меҳр!»

Нависанда пардахта шуд з-офарин,
Ниҳод аз бари нома Хусрав нигин.

---

1. М-ғамӣ будаам.
2. М-Яздон ба пой.
3. М-будам аз паҳлави некрой.
4. ТПЗ- Ба банди ту бар пил хоқони Чин
Расиду зи ғам абрувон пур зи чин.
Наёмад маро куштанаш дилпазир,
Ҳамон беҳ, ки дар банд бошад асир,
Ки вақте маро мӯбаде дод панд,
Ки чун душмани зинда ёбӣ ба банд.
Макуш зуд ӯро абар хир-хир,
Ки ҳар гаҳ, ки хоҳӣ тавон кушт асир.
Чу кушта бувад, зинда кардан-ш боз
Касе кай тавонад ба умри дароз?
Бимонем, то зинда монад ба банд,
К-аз ин пас наояд зи хоқон газанд.
Ва дигар, агарчанд дар корзор
Касе бифканад хусрави номдор.
Чу шоҳ аст, зудаш нашоист кушт,
Ки ҳаст ин зи кирдору хӯи дурушт.
Ба ҳар кор маштоб, эй некбахт,
Бавижа ба хун, з-он ки корест сахт.
Аз ин кушта шуд боби ман дар шитоб,
Ки бебод нафрин ба Афросиб.
Ту, эй паҳлавони яли арҷманд,
Ҳаме даст букшою душман бубанд.

www.sattor.com

Бифармуд, то хилъат оростанд,
Ситому камарҳо биперостанд -

Сад аз ҷаъдмӯёни зарринкамар.[1]*[2]
Сад аспи гаронмоя бо сози зар.

Сад уштур ҳама бор дебои Чин,
Сад уштур зи афкандании ҳамчунин.

Зи ёқути рахшон ду[3] ангуштарӣ,
Зи хушшобу зар афсаре бартарӣ.[4]

Зи пӯшиданӣ шоҳ дасте ба зар,
Ҳамон ёраву тавқу зарринкамар

Саронро ҳама ҳадяҳо сохтанд,
Яке ганҷ аз ин сон бипардохтанд.

Фарибурзро гурзу теғи бунафш,[*5]
Яке тоҷи[*6] заррину зарринакафш -

Фиристоду фармуд, то боз гашт,
Аз Эрон ба сӯи сипаҳбад гузашт.

Чунин гуфт, к-«Аз ҷанги Афросиёб
На ором бояд, на хӯрду на хоб.

Магар, к-он сари шаҳрёри баланд
Ба хамми каманди ту ояд ба банд».

1. И-б. 941, 942 нест.
2. М-баста камар.
3. И-даҳ.
4. Л-Зи хушшоб в-аз хусравиафсарӣ.
5. М-жеғу гурзу дурафш.
6. М-теғи.

www.sattor.com

Фарибурз баргашт аз пеши шоҳ,
Ба коми дили шоҳи эронсипоҳ.

ОГОҲӢ ЁФТАНИ АФРОСИЁБ АЗ КОРИ ЛАШКАР

Пас огоҳӣ омад ба Афросиёб,
Ки оташ баромад зи дарёи Об.

Зи Комусу Маншуру хоқони Чин,
Шикаст андаромад[1] ба Туронзамин.

Аз Эрон яке лашкар омад ба ҷанг,
Ки шуд чархи гардандаро роҳ танг.

Чиҳил рӯз яксон ҳаме ҷанг буд,
Шабу рӯз гетӣ ба як ранг буд.

Зи гарди саворон набуд офтоб,
Чу бедорбахт андаромад ба хоб.

Саранҷом аз ин лашкари бешумор*[2]
Саворе намонд аз дари корзор.

Бузургону он номвар паҳлавон[3]
Бубастанд яксар ба банди гарон.

Ба хорӣ фикананд бар пушти пил,
Сипаҳ буд гирдомада бар ду мил.

Бибурданд аз эдар аз Эронзамин,
Бузургон ҳазорону хоқони Чин.

1. Л-Шикасте, ки омад.
2. М-номдор.
3. ИЛ-меҳтарон.

www.sattor.com

Зи кушта чунон шуд,*[1] ки дар размгоҳ
Касеро набуд пои рафтан ба роҳ.[2]

В-аз он рӯй Пирон ба роҳи Хутан
Бишуд бо яке номвар анҷуман.[3]

Кашониву Чиниву Ҳиндӣ намонд,
Ки маншури шамшери Рустам нахонд.

Пур аз хун ҳама марз беш аз ду мил,
Тиҳӣ шуд замин аз бузургону пил.

В-аз ин сӯй танг андаромад сипоҳ,
Таҳамтан ба пеш-андарун[4] кинахоҳ.

Гар оянд зӣ мо[5]*[6] ба ҷанг он гурӯҳ,
Ту ҳомун шумар кӯҳу ҳомун чу кӯҳ.

Чу Афросиёб ин суханҳо шунуд,
Дилаш гашт пурдарду сар пур зи дуд.

Ҳама мӯбадону радонро бихонд,
Зи кори гузашта суханҳо[7] биронд.

К-«Аз Эрон*[8] яке лашкари ҷангҷӯй
Бад-ин номдорон ниҳоданд рӯй.

---

1. М-буд.
2. ИЛ-б. 959, 960 нест.
3. И-пас аз б. 961 ин б. омада:

   Ҳама ҳар чӣ рафт андар овардгоҳ,
   Ҳаме гуфт бо шоҳи туронсипоҳ.
   Ҳаме чун гузашт аз сипеҳри фароз,
   Аз он курму андӯҳу ранҷи дароз.

4. И-Ба пеш-андарун Рустами.
5. И-андар.
6. М-эдар.
7. М-фаровон.
8. М-эшон.

www.sattor.com

Шикаста шуданд он[*1] сипоҳи гарон,
Чунон созу он лашкари бекарон.[2]

Зи андӯҳи Комусу хоқони Чин
Бубастанд гуфтӣ[*3] маро бар замин.

Сипоҳе чунон куштаву хаста шуд,
Ду баҳра зи гарданкашон баста шуд.[4]

Чӣ созему инро чӣ дармон кунем?
Нашояд, ки ин бар дил осон кунем.

Гар эдун, ки Рустам бувад пешрав,
Намонад бар ин буму бар хору хав.[5]

Яке кӯдаке буд бар сони най,
Ки ман лашкаре бурда будам ба Рай.

Биёмад, чунонам зи зин баргирифт,
Ки монданд гурдон бад-он дар шигифт.

Камарбанд бугсисту банди қабо,
Бияфтодам аз чанги ӯ зери по.

Чунин[6] дастбурди варо дидаам,
Зи корогаҳон низ бишнидаам,

1. М-шудаст ин.
2. И - Шикаста шудаст лашкари бекарон,
   Чунон созу гурдону кундоварон.
3. М-гӯӣ.
4. ТПЗИЛ - Ба Эрон кашиданд бар пушти пил,
   Замин пур зи хун буд бар чанд мил.
5. ТПЗ- Агар Рустам он аст, ки ман дидаам,
   Басе аз набардаш бупечидаам.
6. ИЛ- Ки ман.

www.sattor.com

Ки ӯ бо бузургони Мозандарон
Чӣ кардаст танҳо ба гурзи гарон.[1]

Ҳамон бо бузургони Туронзамин
Чӣ кардаст аз бад бар ин дашти кин».[2]

Гаронмоягон посух оростанд,
Ҳама яксар аз ҷой бархостанд,

Ки «Гар номдорони Сақлобу Чин
Ба Эрон ҳама разм ҷустанду кин,[3]

На аз лашкари мо касе кам шудаст,
На ин кишвар аз хун дамодам шудаст.[4]

Зи Рустам чаро бим дорӣ ҳаме,
Чунин коми душман чӣ хорӣ ҳаме?

Зи модар ҳама маргро зодаем,
Миён то бубастем, накшодаем.

Агар хоки моро ба пай биспаранд,[5]
Аз ин кардаи хеш кайфар баранд.[6]

---

1. Л- Чӣ кардаст бо шоҳи Мозандарон,
Чӣ карду чи омад бар он меҳтарон:
И- Чӣ кардаст бо шоҳи Мозандарон,
Зи гардиш чӣ омад бар он меҳтарон.
2. И- Ки ӯ бо бузургони Туронзамин
Чи кардаст бо барбарӣ рӯзи кин:
ТПЗ- Бидаррид паҳлуи Деви сапед,
Ҷигаргоҳи Пӯлоду Ғундию Бед.
Ин б. пас аз б. 978 муносибтар ба назар менамояд.
3. ТПЗЛМ- Меҳонро ба ёрӣ чаро хондӣ,
Ҳама ганҷ бар хира бифшондӣ.
4. ТПЗ- Гаҳ омад, ки мо разм ҷӯему ҷанг,
Бикӯшем бо душманон чун паланг.
5. Л-пае биспарад.
6. Л-барад.

www.sattor.com

Ба кин гар бубандем яксар миён,
Намонад касе зинда з-борониён».

Зи пурмоягон шоҳ посух шунид,
Зи лашкар забоноварон баргузид.[1]

Далерону гарданкашонро бихонд,
Зи хобу зи орому хӯрдан бимонд.

Дари ганҷ бикшоду динор дод,
Равонро ба[2] хуни дил оҳор дод.

Чунон шуд зи гурдони ҷангӣ замин,
Ки гуфтӣ сипеҳр андаромад ба кин.

ҶАНГИ РУСТАМ БО КОФУРИ МАРДУМХОР

Чу ин банди бадро сар омад падид,[3]
Фарибурз наздики Рустам расид.[4]

Ба дил шод бо хилъати шаҳрёр -
Бад-ӯ - андарун тоҷ бо гӯшвор.

Аз ӯ[5] шодмон шуд гави пилтан,
Бузургони лашкар шуданд анҷуман.[6]

---

1. И-Якеро аз он номдорон гузид.
2. Л-зи.
3. И-калид.
4. ТПЗ-пеш аз б. 991 ин б. омада:
   В-аз он рӯй гурдони эрониён
   Ба кин як ба як танг баста миён.
5. И-он.
6. ТПЗ- Бузургон бипурсид ҳар як зи шоҳ,
   Зи роҳу зи кишвар, зи тахту зи гоҳ.
   Бад-эшон чунин гуфт хусравнажод,
   Ки шоҳи ҷаҳон тандуруст асту шод.
   Ҳама номдорони эронисипоҳ
   Шуда шодмон аз сарафроз шоҳ.

www.sattor.com

Гирифтанд[1] бар паҳлавон офарин,
Ки обод бодо ба Рустам замин!

Аз ӯ[2] ҷони[*3] шоҳи ҷаҳон шод бод,
Бару буми Эронаш обод бод![4]

В-аз он ҷойгаҳ низ лашкар биронд,
Биёмад ба Суғду ду ҳафта бимонд.[5]

Ба нахчир, гӯру ба май даст бурд,
Аз ин гуна якчанд хӯрду шумурд.

В-аз он ҷойгаҳ лашкар андаркашид,
Ба як манзиле-бар яке шаҳр дид.

Куҷо номи он шаҳр Бедод буд,
Диже буду аз[*6] мардум[7] обод буд.

Ҳама хӯрданишон зи мардум будӣ,
Паричеҳрае ҳар замон гум будӣ.

Ба хони чунон шаҳрёри палид
Набудӣ ба ҷуз кӯдаки норасид.

Парастандагоне, ки некӯ будӣ,
Ба дидору боло беоҳу будӣ.

---

1. И-Бигуфтанд.
2. Л-Бад ӯ.
3. М-Бад-ӯ чашми.
4. ТПЗМ- Сарон хилъати шоҳ бардоштанд,
   Ҳама наъра аз абр бугзоштанд,
   Ки мо шоҳро чокару бандаем,
   Ба фармону рояш сарафкандаем.
5. И-б. 995-996 нест.
6. М-дид, к-аз.
7. И-буд он ҷову.

www.sattor.com

Аз он сохтандӣ ба хон-бар х(в)ариш,
Бад-ин гуна буд шоҳро парвариш.

Таҳамтан бифармуд, то се ҳазор,
Зиреҳдору баргустувонтар савор

Бар он диж фиристод бо Густаҳам,
Ду гурди гаронмоя[1] бо ӯ ба ҳам.

Яке Бежани Геву дигар Ҳажир,
Ки дар ҷанг буданд бо доругир.[2]

Мар ин шоҳро[*3] ном Кофур буд,
Ки вайро бар он шаҳр маншур буд.

Чу бишнид, к-омад зи Эрон сипоҳ,
Сипаҳбад яке номвар кинахоҳ.[4]

Бипӯшид Кофур хафтони ҷанг -
Ҳама шаҳр бо ӯ ба сони паланг.

Камандафкану марди майдон буданд,
Ба разм - андарун сангу синдон буданд.

Баровехт Кофур бо Густаҳам,
Даромехтанд он ду лашкар ба ҳам.

Яке разм карданд бар сони шер,
Ки пеши гавазн андарояд далер.

1. И-хирадманд.
2. ИЛ-б. 1006 нест:
ТПЗ- Дар он диж - дарун буд як марди гурд,
Ки солорашон буд бо дастбурд.
3. М-он гурдро.
4. Л-б. 1008 нест.

www.sattor.com

Зи гурдони Эрон басе кушта шуд,
Сари размҷӯён ҳама гашта шуд.[1]

Чу Густаҳм гетӣ бар он гуна дид,
Ҷаҳон дар кафи дев вожуна дид,

Бифармуд, то тирборон кунанд,
Ба эшон камини саворон кунанд.

Чунин гуфт Кофур бо саркашон,
Ки «Синдон нагирад зи пайкон нишон.

Ҳама теғу гурзу каманд оваред,
Сари саркашонро ба банд оваред.[2]

Замоне бар он сон баровехтанд,
Ки оташ зи дарё барангехтанд.

Фаровон аз эрониён кушта шуд,
Ба сар - бар сипеҳри бало гашта шуд.

Ба Бежан чунин гуфт Густаҳм зуд,
Ки «Лахте инонат бибояд бисуд.

Бигӯӣ ба Рустам, ки чандин маист,
Биҷунбон инон бо саворе дувист».

Бишуд Бежани Гев бар сони бод,
Сухан бар Таҳамтан ҳама кард ёд.

---

1. Л-б. 1011-1013 нест; И-б. 1008-1013 нест.
2. ТПЗ- Ба гурзи гарон ҷумла даст оваред,
Забардастро зери даст оваред.
Бикӯшед яксар бар ин дашти ҷанг
Чу ғуррандашеру чу шарзапаланг.
Далериву гурдӣ ба ҷой оваред,
Сароншон ҳама зери пой оваред.

www.sattor.com

Гарон кард Рустам замоне[1] рикеб,
Надонист лашкар фарозу[2] нишеб.

Бар он сон биёмад бар он размгоҳ,
Ки сел андарояд зи кӯҳи сиёҳ.[3]

Ба Кофур гуфт: «Эй бади[4*5] беҳунар,[6]
Кунун размро бар ту орам ба сар».

Яке ҳамла овард Кофур сахт,
Бар он борвар хусравонӣ дарахт.

Бияндохт теғе ба кирдори тир,
Ки ояд магар бар яли шергир.

Ба пеш андаровард Рустам сипар,
Нашуд теғи ӯ бар сипар коргар.[7]

Каманде бияндохт бар пури Зол,
Ҳамон аз камандаш бидуздид ёл.

Хурӯше баровард чун пил тунд,
Фурӯ монд Кофур бар ҷой кунд.[8*9]

Амуде бизад бар сараш пури Зол,
Ки барҳам шикасташ сару таргу ёл.

---

1. И-Ҳам он гаҳ.
2. И-фароз аз.
3. ТПЗИЛ- Фаровон аз эрониён кушта дид,
   Басе саркаш аз ҷанг баргашта дид.
4. И-гави.
5. ИЛ-Фурӯ монд кофури пархошхар.
6. И-яли бадгуҳар.

*1 М-саги.

7. М-фурӯ монд Кофури пархошхар.
8. ИЛ-1030 нест.
9. М-б. 1030 нест.

www.sattor.com

Зи бинӣ фуруд омадаш мағзи сар,
Бияфтод Кофури пархошхар.[1]

Чунон то дари диж яке ҳамла бурд,
Бузургон набуданд пайдо зи хурд.

Дари диж бубастанду аз бора тир
Фурӯ рехтанд аз паи дору гир.

Бигуфтанд, к-«Эй марди бозӯру хуш,
Бар ин гуна пили палангинапӯш -

Падар номи ту чун бизодӣ, чӣ кард,
Камандафкане ё сипеҳри набард?

Дареғ аст ранҷ - андар ин шорсон,
Ки донанда хонад-ш пайкорсон.

Чу Тури Фаридун аз Эрон биронд,
Зи ҳар гуна донандагонро бихонд.

Яке бора афканд аз ин гуна пай
Зи сангу зи чӯбу зи хишту зи най.

Баровард аз ин сон ба афсуну ранҷ,
Биполуд ранҷу*[2] тиҳӣ кард ганҷ.

Басе ранҷ бурданд мардони мард,
К-аз ин бораи диж бароранд гард,

Набуд кас бар ин бора-бар подшо,
Бар ин ранҷ бурдан надорад баҳо.

Силеҳ асту эдар басе х(в)арданӣ,
Ба зер-андарун роҳи оварданӣ.

1. ИЛ-б. 1032 нест.
2. М-хумеву.

www.sattor.com

Агар солиён ранҷу разм оварӣ,
Набошад ба дастат ба ҷуз доварӣ.

Наёмад бар ин бора-бар манҷаниқ
Зи афсуни Туру дами Ҷосалиқ».

Чу бишнид Рустам, пурандеша[*1] шуд,
Дили размҷӯяш чу як беша[*2] шуд.

Яке разм будаш на бар орзуй,
Сипоҳ андаровард бар чор сӯй.

Ба як рӯй Гударзу як рӯй Тӯс,
Паси пушти ӯ пил бо бӯқу кӯс.

Ба як рӯй-бар[3] лашкари зобулӣ,
Зиреҳдор бо ханҷари кобулӣ.[4]

Ҷаҳондида[5] Рустам камон баргирифт,
Ҳама диж бар ӯ монд андар шигифт.

Ҳар он кас, ки аз бора сар барзадӣ,
Замона сарашро ҳаме дарзадӣ.

Або мағз пайкон ҳаме роз гуфт,
Ба бад созгорӣ ҳаме гашт[*6] ҷуфт.

Паи бора з-он пас ба кандан гирифт,
Зи девор мардум фикандан гирифт.

---

1. М-хира.
2. М-размҷӯён ҳама тира.
3. И-буд.
4. ТПЗ - Зи боло ҳама сангу борони тир
   Фурӯ рехтандӣ бар он гурдгир.
5. ИЛ-Чу он дид.
6. М-бадсозгорӣ бигаштанд.

www.sattor.com

Сутунҳо ниҳоданд зер-андараш,
Биёлуд нафти сиёҳ аз бараш.

Чу ниме зи девори диж канда шуд,
Ба чӯб-андар оташ пароканда шуд.

Фуруд омад он бораи туркард,
Зи ҳар сӯ сипоҳ андаромад ба гард.

Бифармуд Рустам, ки ҷанг оваред,[*1]
Камонҳову тири хаданг оваред.[*2]

Гавон аз паи ганҷу фарзанди хеш,
Ҳамон аз паи буму пайванди хеш,

Ҳама сар бидоданд яксар ба бод,
Гиромитар он, к-ӯ зи модар назод.

Далерон пиёда шуданд он замон,
Сипарҳо гирифтанду тиру камон.

Бирафтанд бо найзадорон ба ҳам,
Ба пеш - андарун Бежану Густаҳам.

Дами оташи тезу борони тир
Ҳазимат бувад з-ин сипас ногузир.

Чу аз бораи диж ба[3] берун шуданд,
Гурезону гирён ба ҳомун шуданд.

Дари диж бубаст он замон ҷангҷӯй,
Ба тороҷу куштан ниҳоданд рӯй.

1. М-оваранд.
2. М-оваранд.
3. И-шаҳр.

www.sattor.com

Чӣ моя бикуштанду чандон асир
Бибурданд аз шаҳр барнову пир.

Басе зарру симу гаронмоя чиз,
Сутуру ғулому парастор низ.

Аз он ҷо бибурданд эронсипоҳ,
Ба сӯи буна баргирифтанд роҳ.[1]*[2]

Таҳамтан биёмад, сару тан бишуст,
Ба пеши ҷаҳонофарин шуд нахуст.[3]

Ба эрониён гуфт: «Бо кирдигор
Бибояд ниҳон беҳтар аз ошкор.

Ба пирӯзӣ-андар ниёиш кунед,
Бар он некуиҳо ситоиш кунед».[4]

Бузургон ба пеши ҷаҳонофарин
Ниҳоданд якрӯя рух[5] бар замин.

Чу аз ёди Яздон[6] бипардохтанд,
Бар он номдор офарин сохтанд.

Ки «Ҳар кас, ки чун ту набошад ба ҷанг,
Нишастан беҳ ояд-ш бо ному нанг.[7]

Тани пилу ин заҳраву ҷанги шер
Замоне набошӣ зи пайкор сер».

1. ИЛ-б. 1067 нест.
2. М-б. 1067 нест.
3. ТПЗИЛ - Зи пирӯз гаштан ниёиш гирифт,
   Ҷаҳонофаринро ситоиш гирифт.
4. Ил-б. 1070 нест.
5. И-Ниёиш гирифтанд сар.
6. Л-покяздон.
7. Л-Ба мурдан беҳ ояд зи ному зи нанг.

www.sattor.com

Таҳамтан чунин гуфт, к-«Ин зӯру фар
Яке хилъате бошад аз додгар.

Шумо сар ба сар баҳра доред аз ин,
На ҷои гила-ст аз ҷаҳонофарин».

Бифармуд, то Гев бо даҳ ҳазор
Сипардору баргустувонвар савор,

Шавад[*1] тозиён то ба марзи Хутан,
Намонад, ки туркон шаванд анҷуман.

Чу бинмуд шаб ҷаъди зулфи сиёҳ,
Аз андеша хаммида[*2] шуд пушти моҳ.

Бишуд Гев бо он саворони ҷанг,
Се рӯз андар ин тохтан шуд диранг.

Бад-он гаҳ, ки хуршед бинмуд тоҷ,
Баромад, нишаст аз бари тахти оҷ.

Зи Турон биёмад[3] сарафроз Гев,
Гирифта басе номдорони нев

Басе хубчеҳра бутони тироз,
Гаронмоя аспону ҳар гуна соз.

Фиристод баҳре ба наздики шоҳ,
Бубахшид дигар ҳама бар сипоҳ.

В-аз он пас чу Гударзу чун Тусу Гев,
Чу Густаҳму Руҳҳому Шедуши нев

1. М-Равад.
2. М-Зи андеша.
3. И-баромад.

www.sattor.com

Або Бежани Гев бархостанд,
Яке офарини нав оростанд.[1]

Чунин гуфт Гударз, к-«Эй[2] сарфароз,
Ҷаҳонро ба меҳри ту омад ниёз.

Нашояд, ки бе офарини ту лаб
Кушоем аз ин пас ба рӯзу ба шаб.

Ҳамеша бизӣ шоду равшанравон,
Ҳамеша хирадпиру давлатҷавон!

Туро дод Яздон ба покӣ нажод,
Касе чун ту аз покмодар назод.

Падар бар падар то писар бар писар
Мабодо, ки ин гавҳар ояд ба сар -

Ҳаме бениёзиву некахтарӣ,
Абар меҳтарони ҷаҳон сарварӣ.[3]

Худованди гетӣ панохҳи ту бод,
Замину замон некхоҳи ту бод![4]

Касе, к-ӯ бипаймуд рӯи замин,
Ҷаҳон диду орому пархошу кин,

Ба як ҷой ин беш лашкар надид,
На аз мӯбади солхӯрда шунид -

---

1. И-офарине бароростанд.
2. Л-Гев, эй гави.
3. ТПЗМ - Ту гӯӣ, ки Яздон шуморо супурд,
Ҳам аз дигарон номи мардӣ бибурд.
4. ИЛ-б. 1089-1093 нест:
ТПЗ- Зи номи ту то ҷовидон ёд бод,
Замона ба тахти ту обод бод!

www.sattor.com

Зи шоҳону пилону аз тахти оҷ,
Зи мардону аспону аз ганҷу тоҷ.

Ситора бар он дашт наззора буд,
Ки ин лашкар аз ҷанг бечора буд.

Бигаштем гирди дил[*1] эдар басе
Надидем дармони ин аз касе.

Хурӯшон будем аз дами аждаҳо,
Камони[*2] ту овард моро раҳо.

Туӣ тоҷи Эрону пушти сарон,
Сарафрозу мо пеши ту кеҳтарон.

Мукофоти ин кор Яздон кунод,
Ки чеҳри ту пайваста[3] хандон кунод!

Ба подоши ту нестмон дастрас,
Забонмон пур аз офарин асту бас».

Таҳамтан бар эшон гирифт офарин,
Ки «Обод бодо ба гурдон замин![4]

Маро пушт аз озодагон аст рост,
Дили равшанам бар забонам гувост.

---

1. М-Диж.
2. М-каманди.
3. Л-ҳамвора.
4. Бузургит ҳар рӯз афзунтар аст,
   Ҳунарманди ҷанги ту як лашкар аст.
   Чу бишнид Рустам, дилаш шод гашт,
   Равонаш аз андеша* озод гашт.
   Бад-эшон чунин гуфт, к-эй меҳтарон,
   Сарафрозу бедору кундоварон.
   * И зи дарду ғам.

www.sattor.com

1105 Рухам тоза аз зеби чеҳри шумост,
Равонам фурӯзон зи меҳри шумост».[1]

В-аз он пас чунин гуфт, к-«Эдар се рӯз
Бибошем шодону гетифурӯз.

Чаҳорум сӯи ҷанги Афросиёб
Биронему оташ, барорем з-об».[2]

Бар ин барниҳоданду бархостанд,
Маю руду ромишгарон хостанд.[3]

ОГОҲӢ ЁФТАНИ АФРОСИЁБ АЗ ОМАДАНИ РУСТАМ

Чу[4] огоҳӣ омад ба Афросиёб,
Ки Рустам сӯи ҷанг дорад шитоб,[5]

1110 Дилаш з-ин сухан пур зи тимор шуд,
Ҳама парниён бар танаш хор шуд.

Ҳаме гуфт: «Пайкори ӯ кори кист,
Сипоҳ аст бисёру солор кист?

Кӣ ёрад шудан пеши ӯ[*][6] размхоҳ,
Кӣ аз таффи теғаш нагардад табоҳ?»[7]

---

1. ИЛМ-б. 1105 нест
2. ТПЗ- Биронем лашкар бар он буму бар,
   Бисозем якбора зеру забар.
3. ИЛМ-б. 1108 нест.
   ТПИЛМ- Ҳама номдорон ба гуфтори ӯй
   Ба базму ба хӯрдан ниҳоданд рӯй.
4. ЛМ-Пас.
5. ЛМ-Ки буму бари Зодшам шуд хароб.
6. М-асту мардони ҷангиву.
7. ИЛ-б. 112 нест:
   ТПЗЛ- Бупечид, аз он пас ба овоз гуфт,
   Ки бо вай кӣ дорем дар ҷанг ҷуфт?
   Зи туркон набинем ҳамтои ӯй,
   Ки дар разм гирад ҳаме ҷои ӯй*.

* Л-танҳо б. якум мавҷуд аст.

www.sattor.com

Чунин гуфт лашкар ба Афросиёб,
Ки «Чандин сар аз разми Рустам матоб.

Ту онӣ, ки аз хоки овардгоҳ
Ҳаме мавҷи[1] хун андарорӣ ба моҳ.

Силеҳ аст бисёру мардону[*2] ганҷ,
Дил аз размҷустан чӣ дорӣ ба ранҷ?

Зи ҷанги саворе ту ғамгин машав.
Нигаҳ кун бар ин номдорони гав.[3]

Чунон дон, ки вай[*4] яксар аз оҳан аст,
Агарчи далер аст ҳам, як тан аст.

Суханҳои кӯтоҳ аз ӯ шуд дароз,
Ту бо лашкаре чораи ӯ бисоз.

Сари ӯ зи абр андаровар ба хок,
Аз он пас зи шоҳу зи Эрон чӣ бок.

На Кайхусрав обод монад, на тахт,
На он буми Эрон,[5] на шохи дарахт.

Нигаҳ кун бад-ин лашкари номдор,
Ҷавонони шоистаи корзор.

Зи баҳри бару буму фарзанди хеш,
Зану кӯдаки хурду пайванди хеш

1. ИЛМ-ҷӯши.
2. М-Гирифтем, ки он.
3. Л-нав.
4. М-Гирифтем, ки он.
5. Л-Эрон на буму.

www.sattor.com

Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,[1]
Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем».

Чу бишнид Афросиёб ин сухан,
Фаромӯш кард он набарди куҳан.

Зи буми ниёкону аз баҳри[2] хеш
Яке тоза андеша афканд пеш.

Чунин дод посух, ки «Ман сози ҷанг
Ба пеш оварам, чун шавад кор танг.

Намонам, ки Кайхусрав аз бахти хеш
Шавад шоду падром бар тахти хеш.[3]

Сари зобулиро[4] ба рӯзи набард
Ба ҷанги дароз андарорам ба гард.[5]

Набера намонам, на пархошҷӯй,
Ба шамшер биншонам ин гуфтугӯй».

Бифармуд, то лашкар оростанд,
Ба кини нав аз ҷой бархостанд.

Бар ӯ саркашон офарин хонданд,
Сарафрозро сӯи кин хонданд.

Яке шердил буд, Фарғор[6] ном,
Қафасдидаву тезҷаста[*7] зи дом.

1. Л-ниҳем.
2. Л-фарзанди.
3. И-б. 1125, 1127 нест.
4. И-Зовулиро.
5. ТПЗЛ - Набера зи андеша чун кам шавад,
Ба марзи ниё ҳадя Рустам шавад.
6. Л-Фархор.
7. М-Қафас дида чандеву.

www.sattor.com

Сипаҳбад аз ӯ ҷангҳо дида буд,
Ба ҳар ҷой ӯро писандида буд.

Зи бегонагон ҷой пардахта кард,
Ба Фарғор[1] гуфт: «Эй гаронмоя[*2] мард,

Ҳам акнун бирав сӯи эронисипоҳ,
Нигаҳ кун бад-ин Рустами размхоҳ.

Савораш[*3] нигаҳ кун, ки чанд асту чун,
Кӣ доранд аз ин буму бар раҳнамун?[4]

Зи пилони ҷангиву мардони кин,
Баду неки гурдони Эрон бубин».

Чу Фарғор баргашту омад ба роҳ,
Ба корогаҳӣ шуд ба эронсипоҳ.

Ғамӣ шуд дили марди дайҳимҷӯй,
Ба бегонагон ҳеч нанмуд рӯй.

Фиристоду фарзандро пеш хонд,
Басе рози шоиста бо ӯ биронд.

Ба Шеда чунин гуфт, к-«Эй пурхирад,
Сипоҳи ту тимори ту кай хурад?

Чунон дон, ки он лашкари бешумор,
Ки омад бар ин размӣ[*5] чандин савор,

---

1. Л-Фархор.
2. М-хирадманд.
3. М-сипоҳаш.
4. ТПЗМ - Дигар номдорони пархошҷӯй,
   Нигаҳ кун, ки чанд асту чист орзуй.
   Камондору найзаварону савор,
   Зи номоварон кист андар шумор.
5. М-марзу.

www.sattor.com

Сипаҳдорашон Рустами шердил,
Ки аз хок созад ба шамшер гил.

Чу Комусу Маншуру[1] хоқони Чин,
Гаҳору[2] чу Фартуси[*3] боофарин,

Дигар Кундуру Шангул он шоҳи Ҳинд,
Сипоҳе зи Кашмир то рӯди Синд

Ба пирӯзии Рустами шергир
Бикуштанду бурданд чандин[4] асир.

Чиҳил рӯз бо лашкар овез буд,
Гаҳе разму гаҳ рӯи парҳез буд.

Саранҷом Рустам ба хамми каманд
Зи пил андаровардашон, кард[*5] банд.

Саворону гурдони ҳар кишваре
Зи ҳар сӯ, ки буд аз бузургон саре,

Силеҳу ҳаюнону аспону[*6] тоҷ
Ба Эрон фиристод бо тахти оҷ.

Бад-ин кишвар омад кунун з-ин нишон,
Ҳама[7][*8] номдорону гарданкашон.

Ман эдар намонам басе ганҷу тахт,
Ки гардон шудаст андар ин кор бахт.

1. ИМ-Каркӯй.
2. И-Каҳору.
3. М-Маншури.
4. И-чанде; Л-Бикуштанд бар дашт чанде.
5. М-андар овард хоқон ба.
6. М-пилону.
7. И-Або.
8. М-В-аз он.

www.sattor.com

Кунун ҳар чи ганҷ асту тоҷу камар,
Ҳам[*1] аз тавқи заррину зарринсипар,

Фирситам ҳама сӯи Алмосрӯд,
На ҳангоми ноз асту руду суруд.

Ҳаросонам аз Рустами тезчанг,
Таносон кӣ бошад ба коми наҳанг?

Ба мардум намонад ба рӯзи набард,
Напечад зи захму нанолад зи дард.

Зи найза натарсад, на аз теғу тир[2]
В-агар гурз борад бар ӯ чархи пир[3]

Ту гӯӣ, ки аз рӯю аз оҳан аст,
На мардумнажод аст, к-аҳриман[4] аст.

Силеҳ аст чандон бар ӯ рӯзи кин,
Ки сер[*5] ояд аз бор пушти[6] замин.

Зиреҳ дораду ҷавшану хӯду кабр,
Бигуррад ба кирдори ғурранда абр.

Набартобад оҳанги ӯ жандапил,
На киштӣ силоҳаш ба дарёи Нил.

Яке кӯҳ зераш ба кирдори бод
Ту гӯӣ, ки аз чарх дорад нажод.

1. М- Ҳамон.
2. И-тиру теғ.
3. И-ӯ-бар зи меғ.
4. И-оҳарман.
5. М-зер.
6. Л-рӯи.

www.sattor.com

Таки оҳувон дораду ҳавли[*1] шер,
Ба дарёву кӯҳ андарояд[2] далер.

Сухан гӯям, ар з-ӯ кунӣ хостор,
Ба дарё чу киштӣ бувад - бар гузор.

Маро бо савораш басе буда ҷанг,
Яке ҷавшан асташ зи чарми паланг.

Силеҳам наёмад бар ӯ коргар,
Басе озмудам ба тиру[*3] табар.

Кунун озмунро яке корзор
Бисозем, то чун бувад рӯзгор.

Гар эдун, ки Яздон бувад ёрманд,
Бигардад ба боист[*4] чархи баланд,

На Эрон бимонему не шаҳрёр,
Сар ояд магар бар ман ин корзор.

В-агар дасти Рустам бувад рӯзи ҷанг,
Насозам ман эдар фаровон диранг.

Шавам то бад-он рӯи дарёи Чин,
Бад-ӯ монам ин марзи[*5] Туронзамин».[6]

Бад-ӯ Шеда гуфт, «Эй хирадманд шоҳ,
Анӯша бизӣ, то бувад тоҷу гоҳ.

---

1. М-зӯри.
2. Л-рӯду ба хушкӣ.
3. М-гурзу.
4. М-боиста.
5. М-буми.
6. ТПЗЛ - Битарсам ман, эй пур, ҷони падар,
Аз ин бевафо чархи бедодгар.

www.sattor.com

Туро фарру бурз асту фарзонагӣ,
Нажоду дилу бахту[*1] мардонагӣ.

Набояд туро панди омӯзгор,
Нигаҳ кун бар ин гардиши рӯзгор.

Чу Пирону Ҳумону Фаршедвард,
Чу Калбоду Настеҳан андар набард

Шикастасилеҳу гусистадиланд,
Ту гуфтӣ,[2] ки аз ғам ҳаме бугсиланд.

Ту бар боди ин ҷанг киштӣ марон,
Чу донӣ, ки омад сипоҳи гарон.[*3]

Зи шоҳони гетӣ набарда[*4] туӣ,
Ҷаҳондидаву коркарда[*5] туӣ.

Ба ҷону сари шоҳи туронсипоҳ,
Ба хуршеду моҳу ба[*6] тахту кулоҳ,

Ки аз кори Комусу хоқони Чин
Дилам гашт пурдарду сар пур зи кин.

Сӯи Ганг бояд кашидан сипоҳ,
Набояд сӯи разм кардан нигоҳ.

Зи Чину зи Мочин сипаҳ хостан,
Пас он гоҳ мар душманон костан».

1. М-бузургиву.
2. Л-гӯӣ.
3. М-б. 1176 нест.
4. М-ҳамида.
5. М-кордида.
6. М-шамшеру.

www.sattor.com

Чу ин гуфта шуд, рафт то[*1] ҷои хоб,
Дили[*2] пур зи кину сари пуршитоб.[3]

Шаби тира букшод чашми дижам,
Зи ғам пушти моҳ андаромад ба хам.

Ҷаҳон гашт бар сони мушки сиёҳ,
Чу Фарғор баргашт аз эронсипоҳ,[4]

Биёмад ба наздики Афросиёб
Шаби тира, ҳангоми орому хоб.

Чунин гуфт, к-«Аз боргоҳи баланд
Бирафтам бари Рустами девбанд.

Саропардаи сабз дидам бузург,
Саворе ба кирдори даррандагург.[*5]

Яке аждаҳофаш дурафше ба пой,[*6]
Ту гуфтӣ ҳаме андарояд зи ҷой.[7*8]

Ба хайма - дарун жандапиле жиён,
Миён танг баста чу бабри баён.

Яке бӯрабраш ба пешаш ба пой,
На ором дорад, ту гӯӣ,[*9] ба ҷой.

---

1. М-бар.
2. М-Диле.
3. И-б. 1181-1183 нест.
4. Л- Чу Фархор баргашту омад ба роҳ;
Л-пас аз б. 1185 ин б. омада:
Фиристода Фархор аз он размгоҳ
Бирафту биёмад ба туронсипоҳ.
5. М-ғуррандагург.
6. М-сиёҳ.
7. ТПЗМ - Зада хайма бар пеши пардасарой,
Фаровон дурафши бузургон ба пой.
8. М-гӯӣ ҳаме сар барорад ба моҳ.
9. М-ҷанг.

www.sattor.com

Фурӯ ҳишта аз кӯҳаи зин лагом,
Ба фитрок бар ҳалқааш хамми[*1] хом.

Сипаҳдор чун Тусу Гударзу Гев,
Фарибурзу Гургину Шедӯши[*2] нев,

Гуроза талояст бо Густаҳам,
Ки бо Бежану[3] Гев бошад ба ҳам».

Ғамӣ шуд зи гуфтори Фарғор[4] шоҳ,
Кас омад бари паҳлавони сипоҳ,

Ки омад сипаҳдор Пирон чу гард,
Бузургону гурдони рӯзи набард.

Зи гуфтори Фарғор[5] чанде бигуфт,
Ки то кист бо вай ба пайкор ҷуфт?

Бад-ӯ гуфт Пирон, ки «Моро зи ҷанг
Чӣ чора-ст ҷуз[6] ҷустани ному нанг?

Зи баҳри бару буму фарзанди хеш
Бикӯшему аз баҳри пайванди хеш».

Чу посух чунин ёфт Афросиёб,
Гирифт андар он ҷангҷустан шитоб.

Ба Пирон бифармуд, то бо сипоҳ
Равон шуд[7] бари Рустами кинахоҳ.

---

1. М-аз сумми аспон.
2. М-ҷанги Эрон.
3. Л-Бежани.
4. Л-Фархор.
5. Л-Фархор.
6. И-аз.
7. ИЛМ- Биёмад.

www.sattor.com

Зи пеши сипаҳдор берун шуданд,
Ҳама размро[*1] сӯи ҳомун шуданд.

Хурӯш омад аз дашту овои кӯс,
Ҷаҳон шуд зи гарди сипаҳ обнӯс.

Сипаҳ буд чандон, ки гуфтӣ ҷаҳон
Ҳаме гардад аз гард яксар[*2] ниҳон.

Табиразанон наъра бардоштанд,
Ҳаме пил бар пил бугзоштанд.

НОМАИ АФРОСИЁБ БА ПӮЛОДВАНД

Аз айвон ба дашт омад Афросиёб,
Ҳаме кард бар кина ҷустан[*3] шитоб.

Ба Пирон бигуфт, он чӣ боист гуфт,
Зи дашт андаромад ба сӯи нуҳуфт.

Зи бегона хайма бипардохтанд,
Нависандаро пеш биншохтанд.[4]

Дабири ҷаҳондидаро ханду гуфт,
Ки «Рози бузургон бибояд нуҳуфт.

Яке нома наздики Пӯлодванд
Биёрою аз роз букшой[*1] банд.

Нахуст офарин кун ба додори пок,
К-аз ӯй аст нерӯву ҳам з-ӯ ҳалок.

---

1. М-букшой дилро зи.
2. М-Рустами тиракеш.
3. М-пирӯзу.
4. ТПМ - Ба Шеда бигуфташ, ки чандин маист,
Бирав дар замон бо саворе дувист.

www.sattor.com

Худованди кайвону гардонсипеҳр,
Худованди ноҳиду рахшанда меҳр,

Дигар офарин кун бад-он невбанд[1]
Сипаҳдори фархунда Пӯлодванд.[2]

Бигӯяш, ки моро чӣ омад ба пеш,[3]
Аз ин номвар марди пархошкеш.[4]*2

В-аз ин номвар пурҳунар меҳтарон,
Зи Тусу зи Гударзу кундоварон,

Зи кори набера бигӯяш ҳама,
Худованди он марзу[*5] шоҳи рама.

Бипарвардам ӯро чу ҷон арҷманд,
Ки аз бод н-омад бар ӯ-бар газанд.[6]

Агар ёрманд аст чархи баланд,
Биёяд бар ин марз Пӯлодванд.

Басе лашкар аз марзи[*7] Сақлобу Чин
Нагунсору печон шуданд андарин.

Басе буму барҳо, ки вайрон шудаст,
Ҳама аз далерони Эрон шудаст.[8]

---

1. Л-В-аз он офарин кун бар он низ чанд.
2. И-б. 1211-1213 нест.
3. И-рӯй.
4. И-пархошҷӯй.
5. М-турку.
6. И-б. 1215-1217 нест.
7. М-гетӣ маро.
8. ИЛ-б. 1220 нест:
   ТПЗМ- Сипоҳе саросар бикарданд асир,
   Бикарданд Турон чу дарёи қир.

www.sattor.com

Сипоҳ аст бар сони кӯҳи равон,
Сипаҳдор чун[1] Рустами паҳлавон.

Чу Гударзи ҷангиву чун Геву[2] Тус,
Ба абр андароранд овои кӯс.

Чу Рустам ба дасти ту гардад табоҳ,
Наёбад сипаҳ андар ин марз роҳ.

Ҳама ранҷи ин марз аз ӯй асту бас,
Ту бош андар ин кор фарёдрас.

Гар ӯро ба дасти ту ояд замон,
Шавад ром рӯи замин[*1] бегумон.[3]

Ман аз подшоҳии ободи хеш
На баргирам аз ганҷ як нима беш.

Дигар нима[4] дайҳиму ганҷ они туст,
Ки[5] имрӯз пайкору ранҷ они туст».

Ниҳоданд бар нома-бар мӯҳри шоҳ,
Чу барзад сар аз бурҷи харчанг моҳ.

Камар баст Шеда ба пеши падар,
Фиристода ӯ буду тиморбар.

Ба кирдори оташ зи бими газанд
Биёмад ба наздики Пӯлодванд.

1. ИЛМ-Сипаҳдорашон.
2. И-Силаҳкаш чу Рустам, сипаҳбад чу.
3. И-б. 1225 нест.
4. ИМ-тахту.
5. И-Гар.

www.sattor.com

Бар ӯ офарин карду нома бидод,
Ҳама кори Рустам бад-ӯ кард ёд.[1]

Яке подшо буд, Пӯлодванд,
Расида маниш[*2] то ба чархи баланд.

Дар он[3] кӯҳи Чин - андарун ҷои ӯй,
Набуд андар он бум ҳамтои ӯй.

Або лашкари гашну мардони ҷанг,
Сипаҳбад наҳангу сипоҳаш паланг.[4*5]

1235 Кунӯранг бо мӯбадонаш бихонд,
Зи ҳар гунае достонҳо биронд.

Бад-эшон бигуфт, он чӣ дар нома буд,
Ҷаҳонгиру барнову худкома буд.

Бифармуд, то кӯс берун баранд,
Саропардаро сӯи[6] ҳомун баранд.

---

1. Л-б. 1231 нест:
ТПЗ- Ки Рустам биёмад аз Эрон ба ҷанг,
Сипаҳбад ҳизабру сипоҳаш паланг.
Баровард аз он марзи боарз дуд,
Ки ҳаргиз мабодо бар ӯ –бар дуруд.
Ба банд андаровард Комусро,
Чу хоқону Маншуру Фартусро.
Ба бозу каманду ба тан чарми шер,
Зи пайкор ҳаргиз нагаштаст сер.
Зи Турон ба Эрон барад хокро,
Чӣ гӯем он гурди нопокро.
Табаҳ гашт моро ҳама кор аз ӯй,
Намонад ба Турон аз ӯ рангу бӯй.
2. М-сараш.
3. Л-Бад-он.
4. И-б. 1232-1234 нест.
5. М-б. 1234 нест.
6. И-Саропардаи ӯ ба.

www.sattor.com

Сипоҳ анҷуман карду гурдони[*1] дев,
Баромад зи гурдони лашкар ғирев.

Дурафш аз пасу пеши Пӯлодванд,
Сипардор бо таркашу бо каманд

Фуруд омад аз кӯҳу бугзошт об,
Биёмад ба наздики Афросиёб.

Табира баромад зи даргоҳи шоҳ,
Пазира шудандаш якояк сипоҳ.

Ба бар даргирифташ ҷаҳондида мард,
Зи кори гузашта басе ёд кард.

Бигуфташ, ки тимори туркон зи кист,
Саранҷому дармони ин кор чист.

Хиромон ба айвони хусрав шуданд,
Ба рою ба андешаи нав шуданд.

Сухан ронд ҳар гуна Афросиёб
Зи кори дирангу зи баҳри[2*3] шитоб.

Зи хуни Сиёвуш, ки бар дасти ӯй
Чӣ омад зи пархошҷу аз гуфтугӯй.

Зи хоқону Маншуру Комуси гурд
Гузашта суханҳо бар ӯ[4] баршумурд.

Бигуфт он ки ин[*5] ранҷам аз як тан аст,
Ки ӯро палангина пероҳан аст.

1. М-шуд ба кирдори.
2. И-разми.
3. М-кори.
4. И-Ҳаме; ЛМ-ҳама.
5. М-Ҳаме гуфт.

www.sattor.com

Наёяд силеҳам бар ӯ коргар,
Бар он бабру он хӯду чинисипар.

Биёбон сипардиву[1] роҳи дароз,
Кунун чораи кори моро[2] бисоз!

Пурандеша шуд ҷони Пӯлодванд,
Ки он бандро чун бувад[*3] корбанд.

Чунин дод посух ба Афросиёб,
Ки «Дар ҷанг чандин[*4] набояд[5] шитоб.

Ҳамон[*6] аст Рустам, ки Мозандарон
Табаҳ карду бистад ба гурзи гарон.

Бидаррид паҳлӯи Деви Сапед,[7]
Ҷигаргоҳи Пӯлоди Ғундию Бед.[8]

Маро нест поёб дар ҷанги ӯй,
Наёрам ба бад кардан оҳанги ӯй.

Тану ҷони ман пеши рои ту бод,
Ҳамеша хирад раҳнамои ту бод!

Ман ӯро яке чора[9] созам ба ҷанг,
Ба гирдаш бигардам ба сони паланг.

---

1. И-Сипардӣ ба.
2. ИМ-ӯро.
3. М-шавад.
4. М-ҷустан.
5. ИЛ-наёянд.
6. М-Гарон аст.
7. Л-сафед.
8. Л-Зи ханҷар бидод ӯ ба ҷонаш навид.
9. Л-ҳила.

www.sattor.com

Ту лашкар бароғол бар лашкараш,
Зи анбӯҳи мо[1] хира гардад сараш.

Яке[2] чора созам, в-агарна ба даст
Бару ёли ӯро нашояд шикаст».

Аз ӯ шод шуд ҷони Афросиёб,
Маи равшан оварду чангу рубоб.[3]

Бад-он гаҳ, ки шуд маст Пӯлодванд,
Чунин гуфт бо ӯ ба бонги баланд,

Ки «Ман бар Фаридуну Заҳҳоку Ҷам
Хуру хобу ором кардам дижам.

Бараҳман битарсид з-овози ман,
В-аз ин лашкари гарданафрози ман.

Ман ин зобулиро[4] ба шамшери тез
Ба овардгаҳ-бар кунам рез-рез».[5]

РАЗМИ ПӮЛОДВАНД БО ГЕВ ВА ТУС

Чу хуршед бинмуд тобон дурафш,
Муасфар шуд он парниёни бунафш.

Табира баромад зи даргоҳи шоҳ,
Ба абр андаромад хурӯши сипоҳ.

Ба пеши сипаҳ буд Пӯлодванд,
Ба тан зӯрманду ба бозу каманд.

---

1. И-Ба анбӯҳ то.
2. ИЛМ-Магар.
3. И-мушку гулоб.
4. И-Зовулиро.
5. ТПЗ- Чи Рустам ба пешам, чи як мушти хок,
Зи Кайхусраву Геву Тусам чӣ бок?!

www.sattor.com

Чу саф баркашиданд ҳар ду сипоҳ,
Ҳаво шуд бунафшу замин шуд сиёҳ.

Таҳамтан бипӯшид бабри баён,
Нишаст аз бари жандапили жиён.

Барошуфту бар маймана ҳамла бурд,
Зи туркон бияфканд бисёр гурд.

Аз он пас чунон[1] дид[2] Пӯлодванд,
Зи фитрок букшод печон каманд.

Баровехт бо Тус чун пили маст,
Каманде ба бозу, амуде[*3] ба даст.

Камарбанд бигрифту ӯро зи зин
Баровард осону зад[4] бар замин.

Ба пайкори ӯ Гев чун бингарид,
Сари Туси Нӯзар нагунсор дид.

Барангехт аз ҷой Шабдезро,
Тану ҷон биёрост овезро.

Баровехт бо Гев чун шери нар
Зиреҳдор бо гурзаи говсар.

Каманде бияндохт Пӯлодванд,
Сари Геви гурд[5] андаромад ба банд.

Нигаҳ кард Руҳҳому Бежан зи роҳ
Бад-он зӯру он гурзу он дастгоҳ -

1. Л-Чу он.
2. ИМ-ғамин гашт.
3. М-бозуву гурз.
4. ИЛ-осон бизад.
5. Л-шери нар.

www.sattor.com

Бирафтанд, то дасти Пӯлодванд
Бубанданд ҳар ду ба хамми[*1] каманд.

Бизад даст Пӯлоди бисёрҳуш,
Барангехт аспу баромад хурӯш.

Ду гурди далери гаронмояро,
Сарафроз шери гаронсояро

Ба хок андарафканду биспард[2] хор,
Назора бар он дашт чандон савор.[3]

Биёмад[4] бари ахтари ковиён,
Ба ханҷар ба ду нима[5] кардаш миён.[6]

Хурӯше баромад зи эронсипоҳ,
Намонд эч гурд андар овардгоҳ.

Фарибурзу Гударзу гарданкашон
Чу диданд аз он деви ҷангӣ нишон,

Бигуфтанд бо Рустами кинахоҳ,
Ки Пӯлодванд андар ин размгоҳ

Ба зин-бар яке номдоре намонд,
Зи гурдони лашкар саворе намонд,

Ки нафканд бар хок Пӯлодванд,
Ба гурзу ба ханҷар ба тиру каманд.

---

1. М-банди.
2. Л-гаштанд.
3. И-б. 1282 нест.
4. И-Баромад.
5. ИЛ-ним.
6. ТПЗЛ - Дурафш андаромад ба хок - андарун,
Бибуданд эрониёнаш забун.

www.sattor.com

Ҳама размгаҳ сар ба сар мотам аст,
Бад ин кор фарёдрас Рустам аст.

В-аз он[*1] пас хурӯшидану нола хост,
Зи қалбу чапи лашкару дасти рост.

Гумоне чунон бурд Гударзи пир
Зи Руҳҳом в-аз Бежани шергир,[2]

Ки «Гум шуд зи Гударз ҳар ду[*3] писар,
Бинолид бар довари додгар,

Ки чандин наберу[4] писар доштам,
Ҳаме сар зи хуршед бугзоштам.

Ба разм - андарун пеши ман кушта шуд,
Чунин ахтару рӯз баргашта[*5] шуд.

Ҷавонони ман кушта, ман пирсар,[*6]
Маро шарм бод аз кулоҳу камар.

Дареғо, аз он навҷавонони ман,
Чунон хира шуд бахти хандони ман.[7]

Камар баркушоду[8] кулаҳ баргирифт,
Ба зорӣ хурӯшидан[*9] андаргирифт.[10]

---

1. М-Аз ин.
2. И-б. 1290, 1291 нест.
3. М-Пӯлод ҳар се.
4. ИЛ-набера.
5. М-рӯзӣ ман гашта.
6. М-Ҷавонону ман монда бо пирсар.
7. Л-б. 1295 нест.
8. Л-баркушода.
9. М-Хурӯшидану нола.
10. И-б. 1296, 1297 нест; Л-Хурӯшидану нола андаргирифт.

www.sattor.com

РАЗМИ РУСТАМ БО ПӮЛОДВАНД

Чу бишнид Рустам, дижам гашт сахт,
Биларзид бар сони шохи[1] дарахт.

Биёмад ба наздики Пӯлодванд,
Варо дид бар сони кӯҳи баланд.

Ғамӣ гашт аз он чор гурди далер,
Чу гӯрону душман ба кирдори шер.

Сипаҳро ҳама бештар хаста дид,
В-аз он рӯй пархош пайваста дид.

Ба дил гуфт, к-ин рӯзи мо тира гашт,[2]
Сари номдорони мо хира гашт.[3]

Ҳамоно, ки баргашт пайкори мо,
Ғунуда шуд он бахти бедори мо.[4]

Бияфшурд рон, Рахшро[*5] тез кард,
Барошуфту оҳанги овез кард.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй деви носозгор,
Бубинӣ кунун гардиши рӯзгор».

Чу[6] овози Рустам ба гурдон расид,
Сипаҳбад[*7] ялонро пиёда бидид.

---

1. ИМ-барги.
2. И-шуд.
3. И-Сари номдорон ҳама хира шуд.
4. ТПЗЛ - Яке он ки имрӯз ман коҳилам,
   Сар аз хоби дӯшина менагсилам.
   Ба дигар* ки ин деви носозгор
   Ба тан саҳмнок асту чира савор.

   * Л-дигар он.
5. М-аспро.
6. ИМ-Чунин гуфт бо.
7. М-Таҳамтан.

www.sattor.com

Ҳаме гуфт, к-«Эй[1] кирдгори ҷаҳон,
Туӣ[*2] бартар аз ошкору ниҳон.[3]

Маро чашм агар тира гаштӣ ба ҷанг,
Беҳ астӣ зи дидори ин рӯзи танг.

К-аз ин сон баромад зи Эрон[*4] ғирев,
Зи Ҳумону Пирону ин наррадев.[*5]

Пиёда шуда Геву Руҳҳому Тус
Чу Бежан, ки бар шер кардӣ фусӯс.

Табаҳ гашт аспи бузургон ба тир,
Пиёда баровехта хира-хир.

Баровехт бо деви Пӯлодванд,
Бияндохт он тобдода каманд.

Бидуздид ёл он набардӣ савор,
Битарсиду сер омад аз корзор.

Чу н-омад каманди Таҳамтан ба кор,
Бурун кард сар з-он хами тобдор.[6]

Бад-ӯ гуфт Пӯлодванд, «Эй далер,
Ҷаҳондидаву номбардор шер,

Ки бугрезад аз пеши ту жандапил,
Бубинӣ кунун мавҷи дарёи Нил.

---

1. И-Ки эй.
2. М-ки эй.
3. ТПЗЛ - Ба ман боз деҳ зӯри лашкаршикан*,
Ба ман деви лашкаршикан баршикан.
* Л-даршикан.
4. М-гурдон.
5. М-деви нев.
6. ИМ-б. 1314 нест.

www.sattor.com

Нигаҳ кун кунун оташи ҷанги ман,
Каманду дилу зӯру оҳанги ман.

Аз ин пас наёбӣ зи шоҳат нишон,
На аз номдорону гарданкашон.

Набинӣ замин з-ин сипас ҷуз[*1] ба хоб,
Сипоҳат супорам ба Афросиёб».[2]

Чунин гуфт Рустам ба Пӯлодванд,
Ки «То чанд ин биму таҳдиду банд?

Зи ҷанговарон тезгӯё мабод,
Чу бошад, диҳад бегумон сар ба бод.

Ту гарчи далериву гар саркашӣ,
На Сомӣ, на Гаршоспи гарданкашӣ».[3*4]

Чу бишнид Пӯлодванд ин сухан,
Ба ёд омадаш гуфтаҳои[5] куҳан,

Ки ҳар к-ӯ ба бедод ҷӯяд набард,
Ҷигархаста боз ояду рӯйзард.

Гар аз душманат бад расад ё зи дӯст,
Баду некро дод додан накӯст.

Ҳамон Рустам аст ин, ки Мозандарон
Шаби тира бистад ба гурзи гарон.

---

1. М-набинӣ аз ин пас бузургӣ.
2. ТПЗ- Танатро бидӯзам ба пайкони тир,
   Набинад дигар чашми ту Золи пир.
3. И-б. 1322 нест.
4. М-на з-оҳан, на аз оташӣ.
5. И-рӯзгори.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй марди ҷангозмой,
Чӣ бошем бар хира чанде[1] ба пой?»

Бигаштанду аз дашт бархост гард,
Ду пили жиёну ду шери[*2] набард.

Амуде бизад бар сараш пилтан,
Ки бишнид овозаш он анҷуман.

Чунон тира[3] шуд чашми Пӯлодванд,
Ки дасташ инонро набуд корбанд.

Бупечид аз он дард бар дасти рост,
Чунин гуфт, к-ин рӯз рӯзи балост.

Таҳамтан бад-он буд, ки мағзи сараш
Зи ду гӯш резад ҳаме бар бараш.

Чу Пӯлодванд аз бари зин бимонд,
Таҳамтан ҷаҳонофаринро бихонд,

Ки эй бартар аз гардиши рӯзгор,
Ҷаҳондору бинову[4] парвардгор.

Гар ин гардиши ҷанги ман дод нест,
Равонам бад-он гетӣ обод нест.

В-ар Афросиёб аст бедодгар,
Ту мастон зи ман зӯру дасту ҳунар.[5]

1. ИЛ-чандин.
2. М-жиён ин ду марди.
3. ИМ-хира.
4. И-бедор.
5. ИЛ-б. 1336 нест.

www.sattor.com

Раво нест, к-аз[1] дасти Пӯлодванд
Равони маро баркушой[2] зи банд,

Ки гар ман шавам кушта бар дасти ӯй,
Ба Эрон намонад яке ҷангҷӯй.

На марди кашоварзу на пешавар,
На хоку на кишвар, на буму на бар.

Чунин гуфт Рустам ба Пӯлодванд,
Ки «Аз гурзи гурдон чӣ дидӣ газанд?

Ду дастат натобад инони сипоҳ
Пиёда шав, эй деву зинҳор хоҳ».

Чунин посух овард[3] Пӯлодванд,
К-«Аз ин гурз бар ман наёмад[4] газанд».

Бигуфтанду бо якдигар[5] ҷангҷӯй,
Зи кина ба рӯй андароварда рӯй.

Яке ханҷар овард Пӯлодванд
Зи алмос бо чораву рангу банд.

Ба бабри баён-бар набуд коргар,
Пур аз хун шуда девро з-ӯ ҷигар.

Чу теғаш ба Рустам наёмад ба кор,
Барошуфт дижхим бо рӯзгор.[6]

1. ИЛМ-дорам аз.
2. Л-кушояд; ИМ-бугсилонад.
3. Л-Ба Рустам чунин гуфт.
4. Л-н-омад ба ман-бар.
5. Л-Бад-ин сон ҳаме ду гави.
6. Л-созгор.

www.sattor.com

Ғамӣ гашт Пӯлод аз он ёлу суфт,
Дигарбора бо Рустами Зол гуфт,

Ки «Ин мурдарибабру хафтони ҷанг
Бияндозу ин миғфари тираранг.

Силеҳи дигар пӯш, то ман ҳамон
Дигар пӯшаму пешат оям дамон».

Чунин гуфт Рустам, ки «Ин рӯй нест,
Раҳи обгардон бад-ин[*1] ҷӯй нест.

Нагардонам ин олати корзор,
Ту низ ин ки дорӣ, ҳамэдун бидор».

Бигаштанд бори дигар ҳардувон-
Гаронмоя Пӯлод бо паҳлавон.[2]

Наёмад-ш гурзи[*3] гарон коргар,
Бар он бабру хафтону[4] пӯлодбар.

Бад-ӯ гуфт Пӯлоди ҷангинабард:
«Ба куштӣ падид ояд аз мард мард.

Гарат рой бинад[*5] чу шери жиён,
Ба куштӣ бубандем ҳар ду миён.

Ба куштӣ бигардем бо якдигар,
Бигирем ҳар ду дуволи камар.

---

1. М-дар ин.
2. Л-пас аз б. 1352 ин б. омада:
   Даромад дигарбора Пӯлоду гурз
   Фурӯ кӯфт бар Рустаму ёлӯ бурз.
3. М-Наёмад силеҳи.
4. Л-хафони.
5. М-бошад.

www.sattor.com

Бад-он то киро бар диҳад рӯзгор,
Кӣ баргардад озурда аз[*1] корзор».

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй деви носозгор,
Ба захми далерон наӣ пойдор.

Ҳаме ҳамчу рӯбоҳ банд оварӣ,
Чӣ суд аст, ҳам сар ба банд оварӣ.

Ба кушти ҳаме банду афсун кунӣ,
Ки то чанбар аз ёл берун кунӣ».[2]

Бад-ин барниҳоданд ҳар ду[3] сухун,
Яке сахт паймон фиканданд бун,

Ки ёрӣ наёяд кас аз ҳар ду рӯй
Ба ҷанги далерони пархошҷӯй.

Аз он пас зи аспон[*4] фуруд омаданд,
Замоне бар осудагӣ дам заданд.[5]

ГУШТӢ ГИРИФТАНИ РУСТАМ ВА ПӮЛОДВАНД

Ба кушти гирифтан ниҳоданд рӯй,
Ду гурди сарафрозу ду кинаҷӯй.

Ба паймон, ки аз ҳар ду рӯя сипоҳ
Ба ёрӣ наёяд касе кинахоҳ.

---

1. М-Кӣ пирӯз гардад аз он.
2. Л-пас аз б. 1360 ин б. омада:

   Кӣ гуфтат, ки ман марди ҷангӣ наям,
   Чу кушти наёрам гирифтан, киям?
   Бигуфт (у) фуруд омад аз пушти Рахш,
   Рухи дев аз бими ӯ гашта рахш.

3. Л-яксар.
4. М-Бигуфтанд з-аспон.
5. И-б. 1340-1363 нест.

www.sattor.com

Миёни сипаҳ ним фарсанг буд,
Ситора назора бар он ҷанг буд,

Ки Пӯлодванду Таҳамтан ба ҳам
Баровехтанд он ду шери дижам.

Ҳаме даст суданд бар[1] якдигар,
Гирифта ду ҷангӣ дуволи камар.

Чу Шеда бару ёли Рустам бидид,
Яке боди сард аз ҷигар баркашид.

Падарро чунин гуфт, к-«Ин зӯрманд,
Ки хонӣ варо Рустами девбанд,

Ҳам акнун ба ин зӯру ин дастбурд
Ба хок андарорад сари деви гурд.

Набинӣ зи гурдони*[2] мо ҷуз гурез,
Макун хира бо чархи гардон ситез».

Чунин гуфт бо Шеда Афросиёб,
Ки «Шуд мағзи ман з-ин сухан пуршитоб.

Бирав, то бубинӣ, ки Пӯлодванд
Ба кушти ҳаме чун кунад даст банд.

Ба туркӣ биёмӯзу роҳаш намой,
Магар пилтанро дарорад зи пой.

Бигӯяш, ки чун ӯ ба зер оварӣ,
Ба шамшер кун з-он сипас доварӣ».[3]

---

1. ИЛ-бо.
2. М-мардони.
3. И-б. 1375, 1376 нест.

www.sattor.com

Чунин гуфт Шеда, ки «Паймони шоҳ
На ин буд бо ӯ ба пеши сипоҳ.

Чу паймоншикан бошиву тезмағз,
Наёяд зи пайкори ту[*1] кори нағз.

Ту ин оби равшан магардон сиёҳ,
Ки айб оварад бар ту-бар айбхоҳ».

Ба дашном букшод хусрав забон,
Барошуфту шуд бо писар бадгумон.

Бад-ӯ гуфт: «Гар дев Пӯлодванд
Аз ин марди бадхоҳ ёбад газанд,

Намонад бари ин размгаҳ зинда кас,
Туро аз ҳунарҳо забон асту бас».

Инон баргироиду омад чу шер
Ба овардгоҳи ду марди далер.

Нигаҳ кард пайкори ду марди шер,
Хурӯшон чу раъд он ду гурди далер.

Ба Пӯлод гуфт: «Эй сарафроз шер,[*2]
Ба куштӣ гар орӣ мар ӯро ба зер,

Ба ханҷар ҷигаргоҳи ӯ баршикоф,[3]
Ҳунар бояд аз кор карда[*4] на лоф».

Нигаҳ кард Гев андар Афросиёб,
Бад-он хира гуфтору чандин шитоб,

1. М-Наёяд зи дасти ту як.
2. М-савори далер.
3. И-ӯро шикоф.
4. М-бояд кор кардан.

www.sattor.com

Барангехт аспу биёмад дамон,
Чу бишкаст паймон ҳаме бадгумон.[1]

Ба Рустам чунин гуфт, к-«Эй ҷангҷӯй,
Чӣ фармон диҳӣ кеҳтаронро, бигӯй.

Нигаҳ кун ба кирдори Афросиёб,
Бад-он хира гуфтору чандин[2] шитоб.

Биёмад ҳаме, то дил афрӯзадаш,
Ба куштӣ ҳаме ханҷар омӯзадаш.[3]

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Ҷангӣ манам,
Ба куштӣ гирифтан дирангӣ манам.

Шуморо чаро бим бошад[4] ҳаме,
Чунин дил ба ду ним бошад[5] ҳаме?

Ҳам акнун сару ёли Пӯлодванд
Ба хок андарорам зи чархи[6] баланд.

В-агар нест ин ҷангро зӯри даст,
Дили ман ба хира чӣ бояд шикаст?

Гар эдун, ки ин ҷодуи бехирад
Зи паймони Яздон ҳаме бугзарад,

Шуморо зи паймон шикастан чӣ бок,
Ки ӯ рехт бар тораки хеш хок?»

---

1. Л-ҳамон
2. Л-Ки ҷои бало диду ҷои.
3. Л-пас аз б. 1391 ин б. омада:

   Чу бишнид гуфтори он наррашер,
   Чунин дод посух ба гурди далер.

4. И-бояд.
5. И-бояд.
6. И-абри.

www.sattor.com

В-аз он пас биёзид чун шер чанг,
Гирифт он бару ёли ҷангинаҳанг.

Яке зӯр бинмуд, Пӯлодванд
Ба сони чиноре зи ҷо дарбиканд.[1]

Ба гардан баровард у зад бар замин,
Ҳаме хонд[*2] бар кирдигор офарин.

Хурӯше баромад зи эронсипоҳ,
Табиразанон баргирифтанд роҳ.

Ба абр андаромад дами каррной,
Хурӯшидани санҷу ҳиндидарой.[3]

Гумон бурд Рустам, ки Пӯлодванд
Надорад ба тан-бар дуруст эч банд.

Ҳаме[*4] устухони танаш бугсалид,
Рухи ӯ шуда чун гули[5] шанбалид.[6]

Ба Рахши далер андаровард пой,
Бимонд он тани аждаҳоро ба ҷой.

Чу пеши саф омад яли шергир,
Нигаҳ кард, Пӯлод бар сони тир.[7]

---

1. И-б. 1399 нест; Л-барбиканд.
2. М-Ҳаме кард.
3. ТПЗМ - Ки Пӯлодванд аст беҷоншуда,
   Бар он хок чун мор печон шуда.
4. М-Ҳама.
5. Л-рост чун.
6. И-б. 1404 нест:
   ТПМ- Зи тан дур мондаш равону навон,
   Бар ӯ чира шуд паҳлавони ҷаҳон.
   Ҳаме кард Рустам ба ҳар сӯ нигоҳ,
   Ҳам эдун ба турону эронсипоҳ.
7. ТПЗМ - Зи хок андаромад абар пушти зин,
   Ту гуфтӣ ҳаме дарнавардад замин.

www.sattor.com

Гурезон бишуд пеши Афросиёб,
Дилаш пур зи хуну рухаш пур зи об.

Ҳама хурд дар тан шуда устухон,
Чунон часта[1] аз бими Рустам дамон.[2]

Фитода дар он[3] хоки тира дароз,
Замоне шуда хуш аз[4] он размсоз.

Таҳамтан чу Пӯлодро зинда дид,
Ҳама дашт лашкар пароканда дид.

Дилаш тангтар гашту лашкар биронд,
Ҷаҳондида Гударзро пеш хонд.

Бифармуд, то тирборон кунанд,
Ҳаворо чу абри баҳорон кунанд.

Зи як даст Бежан, зи як даст Гев,
Ҷаҳондида[5] Руҳҳому Гургини нев

Ту гуфтӣ, ки оташ барафрӯхтанд,
Ҷаҳонро ба ханҷар ҳаме сӯхтанд.

Ба лашкар чунин гуфт Пӯлодванд,
Ки «Бе тахту бе ганҷу номи баланд

Чаро сар ҳаме дод бояд ба бод,
Чаро кард бояд ҳаме разм ёд?»

Сипаҳро ба пеш андарафканду рафт,
Зи Рустам ҳаме банди ҷонаш бикафт.

1. Л-хаста.
2. ИМ-б. 1408 нест; Л-равон.
3. ИЛМ-Бихуфт.
4. И-бишуд хуши.
5. Л-Ҷаҳонҷӯй.

www.sattor.com

ГУРЕХТАНИ АФРОСИЁБ АЗ РУСТАМ

Чунин гуфт Пирон ба Афросиёб,
Ки «Шуд рӯи гетӣ[1] чу дарёи Об.

Нагуфтам, ки бо Рустами шумдаст
Нашояд бар ин бум эмин нишаст.

Зи хуни ҷавоне, ки буд з-он гузир
Бихастӣ дили мо ба пайкони тир.

Чӣ бошӣ, ки бо ту кас эдар намонд,
Бишуд дев Пӯлоду лашкар биронд.

Ҳамоно, к-аз эрониён сад ҳазор
Фузун асту баргустувонвар савор.

Ба пеш - андарун Рустами шергир,
Замин пур зи хуну[*2] ҳаво пур зи тир.

Зи дарёву дашту биёбону кӯҳ
Сипоҳ андаромад ҳама ҳамгурӯҳ.

Чу мардум намонд, озмудем дев,
Чунин ҷангу пайкору чандин ғирев.

Чу Рустам биёмад, туро пой нест,
Ба ҷуз рафтан аз пеши ӯ рой нест.

Бибояд шудан то бад-он рӯи[3] Чин,
Гар эдун, ки гунҷӣ ба рӯи[4] замин.

---

1. Л-кишвар.
2. М-душман.
3. Л-ба дарёи.
4. Л---худ андар.

www.sattor.com

Сипаҳро чунин[*1] сафкашида бимон,
Худу вижагон сӯи дарё бирон».

Сипаҳбад чунон кард, к-ӯ роҳ дид,
Ҳаме даст аз он разм кӯтоҳ дид.

Дурафшаш бимонданд ӯ худ бирафт,
Сӯи Чину Мочин хиромид тафт.

Сипоҳ андаромад ба пеши сипоҳ,
Замин гашт бар сони абри сиёҳ,

Таҳамтан ба овоз гуфт он замон,
Ки «Найза мадореду тиру камон.

Бикӯшеду шамшеру гурз оваред,
Ҳунарҳо зи болову бурз оваред.

Паланг он замон печад аз кини хеш,
Ки нахчир бинад ба болини хеш».

Сипаҳ сар ба сар наъра бардоштанд,
Ҳаме найза бар кӯҳ бугзоштанд.

Чунон шуд дару дашти овардгоҳ,
Ки аз кушта ҷое надиданд роҳ.

Бирафтанд як баҳра зинҳорхоҳ,
Гурезон бирафтанд баҳре ба роҳ.

Шуд аз бешубонӣ рама толу мол,
Ҳама дашт тан буд бе дасту ёл.

Чунин гуфт Рустам, ки «Куштан бас аст,
Замон ҳар замон баҳраи ҳар кас аст.

1. М-ҳама.

www.sattor.com

Замоне ҳаме бор захр оварад,
Замоне зи тарёк баҳр оварад.

Ҳама ҷомаи разм берун кунед,
Ҳама хубкорӣ ба афзун кунед.

Чӣ бандед дил дар сарои сипанҷ,
Ки дорад гаҳе шоду гоҳе ба ранҷ.

Замоне чу Оҳарман ояд ба ҷанг,
Замоне арӯсе пур аз бӯю ранг.

Беозориву хомӯшӣ баргузин,
Кӣ гӯяд, ки нафрин беҳ аз офарин?»

Биҷуст андар он дашт чизе, ки буд,
Зи симу зару ҷомаи[1] нобисуд.

Саросар фиристод наздики шоҳ
Ғуломону аспону теғу кулоҳ.

В-аз он баҳраи хештан баргирифт,
Ҳама афсару мушку анбар гирифт.

Бубахшид дигар ҳама бар сипоҳ,
Зи чизе ки буд андар он размгоҳ.

Нишон хост аз шоҳи туронсипоҳ,
Зи[*2] ҳар сӯ биҷустанд бероҳу роҳ.

Нишоне надоданд бар хушку об,
На огоҳӣ омад зи Афросиёб.

Ҳама ҷашнгоҳу ҳам айвони ӯй
Ба вайронии он ниҳоданд рӯй.

1. И-заррин в-аз гавҳари.
2. М-Ба.

www.sattor.com

Ҳама шаҳри ободи ӯро бисӯхт,
Ҷаҳоне зи оташ ҳама барфурӯхт.[1]

БОЗГАШТАНИ РУСТАМ БА ДАРГОҲИ ШОҲ

Зи Туронзамин барниҳоданд рахт,
Силеҳи гаронмояву тоҷу[*2] тахт

Басе ганҷҳоро биҷусту биёфт,
Худу лашкараш сӯи Эрон шитофт[3]

Шутур ёфт чандону чандон гала,
Ки аз борагӣ шуд сипаҳ бегила.

Хурӯш омаду нолаи говдум,[*4]
Ҷарас баркашиданду рӯинахум.[*5]

Сӯи шаҳри Эрон ниҳоданд рӯй,
Сипоҳе бар он гуна бо рангу бӯй.

Чу огоҳӣ омад зи Рустам ба шоҳ,
Хурӯш омад аз шаҳр в-аз боргоҳ.

Аз Эрон табира баромад ба абр,
Ки омад худованди кӯполу кабр.

Яке шодмонӣ буд андар ҷаҳон
Миёни кеҳону миёни меҳон.

Дили шоҳ шуд чун биҳишти барин,
Ҳаме хонд[*6] бар кирдгор офарин.

1. ИЛ-б. 1454 нест.
2. М-ганҷу.
3. ИЛ-б. 1454 нест.
4. М-каррной.
5. М-ҳиндидарой.
6. М-кард.

www.sattor.com

Бифармуд, то пил бурданд пеш,
Бичунбид Кайхусрав аз ҷои хеш.

Ҷаҳоне ба оин шуд ороста,[1]*[2]
Маю руду ромишгарон хоста.[3]*[4]

Ҳама ёли[5] пил аз карон то карон
Пур аз мушк буду маю заъфарон.

Зи афсар сари пилбон пурнигор,
Зи гӯш андаровехта гӯшвор.

Басе[6] заъфарону дирам рехтанд,
Зи бар мушки анбар ҳаме бехтанд.[7]

Таҳамтан чу тоҷи сарафроз дид,
Ҷаҳоне саросар пуровоз дид.

Фуруд омаду бурд пешаш намоз,
Бипурсид Хусрав зи роҳи дароз.

Гирифташ ба оғӯш-дар шоҳ танг,
Чунин то баромад замоне диранг.

Басе офарин хонд шоҳи ҷаҳон
Бар он номвар паҳлавони меҳон.[8]*[9]

---

1. И-бароростанд.
2. М-озин биёростанд.
3. И-хостанд.
4. М-хостанд, М-пас аз б. 1463 ин б.:
   Табира баромад зи ҳар ҷою пой,
   Чу шоҳи ҷаҳон андаромад зи ҷой.
5. И-рӯи.
6. И-Ҳаме.
7. ТПЗ- Ҳама шаҳр овои ромишгарон,
   Нишаста зи ҳар сӯ карон то карон.
8. ИЛ-б. 1470 нест.
9. М-шердил паҳлавон.

www.sattor.com

Бифармуд, то пилтан барнишаст,
Гирифта ҳама роҳ дасташ ба даст.

Ҳаме гуфт: «Чандин чаро мондӣ,
Ки бар мо зи меҳр[1] оташ афшондӣ?»

Ба шаҳ гуфт Рустам, ки «Мо як замон
Набудем бе ту ба дил шодмон».[2]

Зи раҳ сӯи айвони шоҳ омаданд,
Бад-он номвар боргоҳ омаданд.[3]

Нишаст аз бари тахти зар шаҳрёр,
Ба наздики ӯ Рустами номдор.[4]

Чу Тусу Фарибурзу Гударзу[5] Гев,
Чу Фарҳоду Гургину Руҳҳоми[6] нев.

Сухан гуфт[*7] Кайхусрав аз размгоҳ
В-аз он рангу пайкори туронсипоҳ.

Чунин гуфт Гударз, к-«Эй шаҳрёр,
Суханҳо дароз аст аз ин корзор.

Маю[*8] ҷому ором бояд нахуст,
Пас он гоҳ аз он кор пурсӣ дуруст».

---

1. И-ҳаме.
2. И-б. 1473 нест:
   ТПЗИМ-Чу Тусу Фарибурзу Гударзу Гев,
   Чу Руҳҳому Шедушу Гургину нев -
   Паси шоҳи Эрон ҳаме ронданд,
   Зи баршон ҳаме гавҳар афшонданд.
3. И-б. 1474 нест.
4. Л-б. 1474, 1475 нест.
5. И-Фарибурзу Гударзу Руҳҳому.
6. ИЛМ-нишастанд бо номдорони.
7. М-Бипурсид.
8. М-Ҳаме.

www.sattor.com

Ниҳоданд хону бихандид шоҳ,
Ки ноҳор буди ҳамоно ба роҳ?

Ба хон-бар май оварду ромишгарон,
Ба пурсиш гирифт аз карон то карон.

Зи Афросиёбу зи Пӯлодванд,
Зи куштиву зи тобдода каманд.[1]

Зи Хоқону Комусу аз Ашкбӯс
В-аз он лашкари гашни бо пилу кӯс.[2]

Бад-ӯ гуфт Гударз, к-«Эй шаҳрёр,
Зи модар назояд чу Рустам савор.

Агар деву шерояд, ар аждаҳо,
Зи чанги дарозаш наёбад[3] раҳо.

Ҳазор офарин бод бар шаҳрёр,
Бавижа бар ин паҳлави номдор!»

Чунон шод шуд з-ин сухан тоҷвар,
Ту гуфти ба кайвон баровард сар.

Чунин дод посух, ки «Эй паҳлавон,
Ҷаҳонгиру[4]*[5] бедору равшанравон,

Касе к-аш хирад бошад омӯзгор,
Нигаҳ дорадаш гардиши рӯзгор.

---

1. ТПЗ - В-аз он размҳое, ки аз пеши он
Миёни ялон буду кундоварон.
2. ИЛ-б. 1483 нест.
3. Л-набошад.
4. Л-Қави бошу.
5. М-Тӯп шери.

www.sattor.com

Аз ин паҳлавон чашми бад дур бод,
Ҳама зиндагониш бо сур[1] бод!»

Бибуданд[2] як ҳафта[*3] бо май ба даст,
Аз он шодмон тоҷу тахту[*4] нашаст.

Суханҳои Рустам ба ною ба руд
Бигуфтанд бар паҳлавонӣ суруд.

БОЗГАШТАНИ РУСТАМ БА СИСТОН

Таҳамтан ба як моҳ наздики шоҳ
Ҳаме буд бо ҷом дар пешгоҳ.

В-аз он пас чунин гуфт бо шаҳрёр,
Ки «Эй пурҳунар хусрави[5] тоҷдор.

Ҷаҳондор бодонишу некхӯст,
Валекин маро чеҳри Зол орзуст».

Дари ганҷ букшод шоҳи ҷаҳон,
Зи пурмоя чизе, ки будаш ниҳон

Зи ёқуту аз тоҷу ангуштарӣ,
Зи дебову аз ҷомаи барбарӣ,

Парастор бо афсару гӯшвор,
Сад аспу сад уштур ба зину ба бор,

Табақҳои заррин пур аз мушку уд,
Ду наълайни заррину ҷуфти амуд,

1. ИЛМ- дар сур.
2. ИЛ-Чунин буд.
3. М-Моҳ.
4. М-ӯ шодмон тахту ҷон.
5. ЛМ-номвар.

www.sattor.com

Бад ӯ[1] бофта гавҳари шоҳвор,
Чунон чун бувад дархури номдор.[2]

Ба назди Таҳамтан фиристод шоҳ,
Ду манзил ҳаме рафт бо ӯ ба роҳ.

Чу Хусрав ғамӣ шуд зи роҳи дароз,
Фуруд омаду бурд Рустам намоз.

Варо кард падруду з-Эрон бирафт,
Сӯи Зобулистон хиромид тафт.

Саросар ҷаҳон гашт бар шоҳ рост,
Ҳаме гашт*[3] гетӣ бар он сон, ки хост.

Сар овардам ин разми Комус низ,
Дароз асту н-афтод аз ӯ як пашиз.

Гар аз достон як сухан кам будӣ,
Равони маро ҷои мотам будӣ.

Дилам шодмон шуд зи Пӯлодванд,
Ки н-афзуд бар банди пӯлод банд.

Кунун разми Аквон зи ман гӯш дор,
Ки чун буд бо Рустами номдор.[4]

1. И-Бар зар.
2. И-шаҳрёр.
3. М-ронд.
4. И-б. 1508 нест.

www.sattor.com

ДОСТОНИ ҶАНГИ РУСТАМ БО АКВОНДЕВ

ОҒОЗИ ДОСТОН

Ту бар кирдгори равону хирад
Ситоиш гузин, то ки андархурад.

Бубин, эй хирадманди равшанравон,
Ки чун бояд, ӯро ситудан тавон.

Ҳама дониши мо ба бечорагист,
Ба бечорагон-бар бибояд гирист.

Аё фалсафадони[1] бисёргӯй,
Напӯям ба роҳе, ки гӯӣ бипӯй.

Сухан ҳеч беҳтар зи тавҳид нест,
Ба ногуфтану гуфтан Эзад якест.

Туро ҳар чӣ бар чашм-бар бугзарад,
Бигунҷад ҳаме дар дилат бо хирад.[2]

Ту гар сахтаӣ, роҳ санҷида пӯй,
Наёяд ба бун ҳаргиз[*3] ин гуфтугӯй.

Ба як дам задан растӣ аз ҷону тан,
Ҳаме бас бузург оядат хештан.

Ҳаме бугзарад бар ту айёми ту,
Сарое ҷуз ин бошад ороми ту.

Нахуст аз ҷаҳонофарин ёд кун,
Парастиш бар ин ёд бунёд кун,

---

1. И-фалсафамарди.
2. И-б. 5, 6 нест:
   ТПЗ- Чунон дон, ки Яздони некидиҳиш
   Ҷуз он асту з-ин бармагардон маниш.
3. М-В-агарна бипарҳез аз.

www.sattor.com

К-аз ӯяст гардуни гардон ба пой,
Ҳам ӯяст бар некуӣ[1] раҳнамой.

Ҷаҳон пуршигифт аст, чун бингарӣ,
Надорад касе олати доварӣ,

Ки ҷонат шигифт асту тан ҳам шигифт,
Нахуст аз худ андоза бояд гирифт.

Ва дигар, ки бар сар-т гардонсипеҳр
Ҳаме нав намояд-т ҳар рӯз чеҳр.

Набошӣ бар ин гуфта ҳамдостон,
Ки деҳқон ҳаме гӯяд аз бостон.

Хирадманд, к-ин[2] достон бишнавад,
Ба дониш гирояд, бад-ин награвад.

Валекин чу маъниш ёд оварӣ,
Шавӣ рому кӯтаҳ шавад доварӣ.

Ту бишнав зи гуфтори деҳқони пир,
Агарчи набошад сухан дилпазир.

ХОСТАНИ ХУСРАВ РУСТАМРО БАРОИ ҶАНГИ АКВОНДЕВ

Сухангӯй деҳқон чунин кард ёд,
Ки як рӯз Кайхусрав аз бомдод

Биёрост гулшан ба сони баҳор,
Бузургон нишастанд бо шаҳрёр

1. ИЛ-неку бад.
2. Л-к-аш.

www.sattor.com

Чу Гударзу чун Тусу чун Густаҳам,
Чу Барзину Гаршосп аз тухми Ҷам,

Чу Геву чу Руҳҳоми корозмой,
Чу Гургину Харроди фархундарой.[1*2]

Ба ёди шаҳаншоҳ хӯрданд ҷом,
Ба майхӯрдан - андар ҳама шодком.[3]

Чу аз рӯз як[*4] соат андаргузашт,
Биёмад ба даргоҳ чӯбон зи дашт.

Бишуд пеши Хусрав, замин бӯса дод,
Чунин гуфт бо шоҳи фаррухнажод,[5]

Ки «Гӯре падид омад андар гала
Чу деве, ки аз банд гардад яла.

Яке наррашер аст гӯӣ дижам,
Ҳаме бугсилад ёли аспон зи ҳам.

Ҳамон ранги хуршед дорад дуруст,
Сипеҳраш ба зарроб гӯӣ бишуст.[6]

Яке[7] баркашида хат аз ёли ӯй,
Зи мушки сияҳ то ба дунболи ӯй.

Саманде баланд аст гӯӣ ба ҷой,
Ба гирди сурину ба дасту ба пой».

---

1. ТПЗ- Ҳама ёдашон разми Комус буд,
   Зи хоқону Маншуру Фартус буд.
2. М-Никинамой.
3. ИЛ-б. 23 нест.
4. М-нӯҳ.
5. И-б. 25 нест.
6. Л-б. 26-28 нест.
7. Л-Ҳаме.

www.sattor.com

Бидонист Хусрав, ки он нест гӯр,
Ки барнагзарад гӯр з-аспе ба зӯр.

Ва дигар, ки Хусрав ҷаҳондида буд,
Зи корогаҳон низ бишнида буд,

Ки он чашмае буд, ки Акводев
Ҷаҳон гашт аз ӯ пурфиғону ғирев,

Ки чӯбон ҳаме дорад он ҷо гала,
Бар оромгаҳ карда будаш яла.

Ба чӯбон чунин гуфт, к-«Ин гӯр нест,
Бидонистам акнун, ту эдар маист».

В-аз он пас ба гурдон чунин гуфт шоҳ,
Ки «Эй паҳлавонони[*1] бофарру ҷоҳ,

Гаве бояд акнун чу шери жиён,
Зи гурдон, ки бандад бад-ин-дар миён».

Нигаҳ кард Хусрав ба ҳар кас басе,
Наёмад зи гурдон писандаш касе.

Нашоист ҷуз Рустами Зол кас,
Ки бошад бад-он кор фарёдрас.

Яке нома бинвишт пурмеҳру дод,
Зи гурдон ба Гургини Милод дод.

Бад-ӯ гуфт Хусрав ба фархундафол,
«Бубар номаи ман бари пури Зол.

Шабу рӯз бояд-т рафтан чу дуд,
Ба Зобулситон-дар набояд ғунуд.

1. М-номдорони.

www.sattor.com

Дурудаш деҳ аз ман фаровон ба меҳр,
Бигӯяш, ки бе ту мабодо сипеҳр!

Чу бархонад ин нома, з-он пас бигӯй,
Ки фарри ман аз туст, эй номҷӯй.

Яке рӯй бинмову хез, эдар ой,
Чу нома бихонӣ, ба Зобул мапой».

Бурун рафт Гургин чу боди дамон,
Ва ё ҳамчу гӯре,[*1] ки тарсад зи ҷон.

Чу омад ба Зобул бари номдор,
Бад-ӯ дод он номаи шаҳрёр.[2*3]

Таҳамтан чу бишнид фармони шоҳ,
Гурозон биёмад бад-он боргоҳ.

Бибӯсид хок аз бари тахти ӯй,
Ҳаме офарин хонд бар бахти ӯй.

Чунин[*4] гуфт: «Шоҳо, маро хостӣ,
Кунун омадам, то чӣ оростӣ.

Миён бастаам, то чӣ фармон диҳӣ,
Ки ҷуфти ту бодо меҳиву беҳӣ».

Чу Хусрав варо дид, бинвохташ,
Бар он хусравӣ гоҳ[*5] биншохташ.

---

1. М-чун гавазне.
2. ТПЗМ-Ба ҷои б. 47 ин б. омада:
   Чу наздикии Зобулистон расид,
   Сипеҳри ялонро пиёда бидид.
   Ба наздики ӯ рафту бурдаш намоз,
   Бипурсид Рустам зи роҳи дароз.
3. М-б. 47 нест.
4. М-Бад-ӯ.
5. М-бари хеш бар тахт.

www.sattor.com

Ба Рустам чунин гуфт, к-«Эй паҳлавон,
Ҳамеша бизӣ шоду равшанравон.

Маро рӯз фаррух ба дидори туст,
Ҳама бахтам аз ҷони бедори туст.

Яке кор пеш омад, эй пилтан,
Туро хостам з-ин бузург анҷуман.

Ба фармони ман гар надорӣ ту ранҷ,
Бубандӣ миён аз паи тоҷу ганҷ.

Чунин гуфт чӯбон, ки гӯре яла
Падид омад андар миёни гала».

Чунон чун шунид ӯ зи чӯбон сухун,
Бигуфт ӯ ба Рустам зи сар то ба бун.[1]

«Кунун, эй Таҳамтан, мар[2] ин[3] ранҷ низ
Ба пайкор бар хештан санҷ низ.

Бирав, хештанро нигаҳ дор аз ӯй,
Магар бошад Оҳармани кинаҷӯй».

Чунин гуфт Рустам, ки «Бо бахти ту
Натарсад парастандаи тахти ту.

Чи[4] деву чи[5] шеру чи[6] нараждаҳо,
Зи шамшери тезам наёбад раҳо.

1. ИЛ-б. 32-58 нест.
2. ИЛ-ба Рустам чунин гуфт.
3. Л-к-ин.
4. ИЛ-Зи.
5. ИЛ-зи.
6. ИЛ-зи.

www.sattor.com

ҶУСТАНИ РУСТАМ ДЕВРО

Бурун шуд ба нахчир чун наррашер,
Каманде ба даст, аждаҳое ба зер.

Ба даште куҷо дошт чӯбон гала,
Бад-он ҷо гузар дошт шери[*1] яла.

Се рӯзаш ҳаме ҷуст аз он марғзор,
Ҳаме кард бар гирди аспон[2] шикор.

Чаҳорум бидидаш гурозон ба дашт,
Чу боди шимолӣ бар ӯ баргузашт.

Дурахшанда заррин яке бора буд,
Ба чарм-андарун зишт патёра буд.

Барангехт Рустам таковар зи ҷой,
Чу танг андаромад, дигар шуд ба рой.

Чунин гуфт, к-инро набояд фиканд,
Бибояд гирифтан ба хамми каманд.

Набояд-ш кардан ба ханҷар табоҳ,
Бар инсон-ш зинда барам назди шоҳ.

Бияндохт Рустам каёнӣ каманд,
Ҳаме хост, к-орад сарашро ба банд.

Чу гӯри диловар камандаш бидид,
Шуд аз чашми ӯ ногаҳон нопадид.[3]

Бидонист Рустам, ки ин нест гӯр,
Або ӯ кунун чора бояд, на зӯр.

1. М-деви.
2. И-дар гирди он ҷо.
3. ТПЗЛ - Чу бод аз хами хоми Рустам биҷаст,
Бихоид Рустам ҳаме пушти даст.

www.sattor.com

Ҷуз Аквондев он нашояд будан,
Бибояд-ш аз бод теғе задан.

Зи доно шунидам, ки ин ҷои ӯст,
Шигифт он ки бистонад аз гӯр пӯст.

Ба шамшер бояд кунун чора кард,
Давонидани хун бар он зарри зард.

Ҳамон гаҳ падид омад аз дашт боз,
Сипаҳбад барангехт он тунд тоз.

Камонро ба зеҳ карду аз боди асп
Бияндохт тире чу озаргушасп.

Ҳамон, к-ӯ[*1] камони каӣ[2] баркашид,
Дигарбора шуд гӯр аз ӯ нопадид.

Ҳаме тохт асп андар он паҳндашт,
Чу як[3] рӯзу як[4] шаб бар ӯ баргузашт.

Ба обаш гирифт орзу, ҳам ба нон,
Сар аз хоб бар кӯҳаи зин занон.

Чу бигрифташ аз оби равшан шитоб,
Ба пеш омадаш чашмае чун гулоб.

Фуруд омаду Рахшро об дод,
Ҳам аз мондагӣ чашмро хоб дод.[5]

---

1. М-чун.
2. И-Чу Рустам камони каён.
3. ЛМ-се.
4. ЛМ-се.
5. ТПЗ - Камандаш ба бозуву бабри баён,
Танаш андар он танг баста миён.

www.sattor.com

Зи зини каёниш букшод танг,
Ба болин ниҳод он ҷуноғи хаданг.

Чарогоҳи Рахш омаду ҷои хоб,
Намадзин бияфканд дар пеши об.

АНДОХТАНИ АКВОНДЕВ РУСТАМРО БА ДАРЁ

Чу Аквонаш аз дур хуфта бидид,
Яке бод шуд, то бад-ӯ даррасид.

Замин гирд бубриду бардошташ,
Зи ҳомун ба гардун барафрохташ.

Ғамӣ гашт Рустам, чу бедор шуд,
Сари пурхирад пур зи тимор шуд.

Або хештан гуфт[*1] деви палид
Яке дом чунин маро густарид.

Дареғо дилу зӯру ин ёли ман,
Ҳамон захми шамшеру кӯполи ман.

Ҷаҳоне аз ин кор гардад хароб,
Барояд ҳама коми Афросиёб.

На Гударз монад, на Хусарв, на Тус,
На тахту кулоҳу на пилу на кӯс.

Бад ояд ҷаҳонро аз ин кори ман,
Чунин тира, к-ӯ кард бозори ман.

Кӣ хоҳад аз ин деви вожуна кин?
Кас ӯро наёяд ҳамоле чунин.[2]

1. М-Чунин гуфт Рустам, ки.
2. Л-б. 89-94 нест.

www.sattor.com

Чу Рустам бичунбид бар хештан,
Чунин гуфт Аквон, ки «Эй пилтан!

Яке орзу кун, ки то аз ҳаво,
Куҷо[1] ояд акнун фикандан ҳаво?[2]

Сӯи обат андозам, ар сӯи кӯҳ?
Куҷо хоҳӣ афтод дур аз гурӯҳ?»

Чу Рустам ба гуфтори ӯ бингарид,
Тан андар[3] кафи деве вожуна дид.

Чунин гуфт бо дил гави пилтан,
Ки аз чора беҳ нест дар ҳар сухан.[4]

Кунун ҳар чи гӯям-ш, ҷуз он кунад,
На савганд донад, на паймон кунад.

Гар эдун, ки гӯям ба дарё фикан,
Ба кӯҳ афканад бадгуҳар аҳриман.

Ба кӯҳам занад, то шавам рез-рез,
Бад-он то барояд зи ман растахез.[5]

Яке чора бояд кунун сохтан,
Ки рояш ба об ояд андохтан.[6]

---

1. ИМ-Куҷост.
2. И-раво; Л-Куҷо бояд афгандан акнун туро.
3. ЛМ-Ҷаҳон дар.
4. ТПИЛ - Гар андозадам гуфт, бар кӯҳсор,
   Тану устухонам наёяд ба кор.
5. ТП-ба ҷои б. 101, 102 ин б. омада:
   Агар гӯям ӯро, дар обам фикан,
   Зи коми наҳангон бисозам кафан.
   Кунун бо ман ин деви вожуна тез
   Ба кӯҳ афканад, то шавам рез-рез.
6. Л-б. 100-103 нест; И-б. 102, 103 нест.

www.sattor.com

Чунин дод посух, ки «Донои Чин
Яке достоне задаст андар ин

Ки дар об ҳар к-ӯ бароядд-ш ҳуш,
Ба мину набинад равонаш суруш.

Бимонад ба зорӣ равонаш ба ҷой,
Хиромаш наёбад[1] ба дигар сарой.

Ба дарё набояд, ки андозиям,[2]
Кафан синаи моҳиён созиям.[3]*[4]

Ба кӯҳам дарандоз, то бабру шер
Бубинанд чанголи марди далер».

Зи Рустам чу бишнид Аквондев,
Баровард бар сони дарё[5] ғирев.

«Ба ҷое бихоҳам фикандант,-гуфт,-
Ки андар ду гетӣ бимонӣ нуҳуфт».

Чу гуфт ин сухан деви вожунаҷӯй,
Зи даст он гаҳе Рустами ҷангҷӯй[6]

Ба дарёи жарф андар андохташ,
Чунон чун шунидаш, дигар*[7] сохташ.

Ҳамин, к-аз ҳаво сӯи дарё расид,
Сабук теғи тез аз миён баркашид.

---

1. И-наёяд; Л-набошад.
2. Л-Ба дарё беҳ ояд (ки) андозиям.
3. Л-созадам.
4. М-б. 107 нест.
5. И-тундур.
6. И-б. 111 нест.
7. М-Кафан синаи моҳиён.

www.sattor.com

Наҳангон, ки[1] карданд оҳанги ӯй,
Бибуданд саргашта[2] аз ҷанги ӯй.

Ба дасти чапу пой кардӣ шиноҳ,[3]
Ба дигар зи душман ҳаме ҷуст роҳ.

Зи кораш наёмад замоне диранг,
Чунин бошад он, к-ӯ бувад марди ҷанг.

Агар монадӣ кас ба мардӣ ба пой,
Замона паи ӯ набурдӣ зи ҷой.

Бидон, к-инчунин[4] аст гарданда даҳр,
Гаҳе нӯш бор оварад,[5] гоҳ заҳр.

Зи дарё ба мардӣ ба як сӯ кашид,
Баромад ба хушкиву ҳомун бидид.

Ситоиш гирифт офаринандаро,
Раҳонанда аз бад тани бандаро.

Баросуду букшод банд аз миён
Бари чашма бинҳод бабри баён.

Каманду силеҳаш чу бифканд нам,
Зиреҳро бипӯшид шери дижам.

Бад-он чашма омад, куҷо хуфта буд,
Бад-ӯ деви бадгавҳар ошуфта буд.

Набуд Рахши рахшон дар он марғзор,
Ҷаҳонҷӯй шуд тунд бо рӯзгор.

---

1. И-чу.
2. И-Бибурданд саргашта.
3. ИМ-кард ошноҳ.
4. ИЛ-Валекин чунин.
5. ИЛ-ёбанд аз ӯ.

www.sattor.com

Барошуфту бардошт зину лагом,
Бишуд бар паи Рахш ношодком.[1]

Пиёда ҳаме рафт ҷӯён шикор,
Ба пеш андаромад яке марғзор.

Ҳама бешаву[*2] обҳои равон,
Ба ҳар ҷой дурроҷу қумрӣ навон -

Галадори аспони Афросиёб
Ба беша-дарун сар ниҳода ба хоб.

Дамон Рахш бар[3] бодпоён чу дев
Миёни гала баркашида ғирев.

Чу Рустам бидидаш, каёнӣ каманд
Бияфканду[4] сар-ш андаромад ба банд.

Бимолидаш аз гарду зин барниҳод,
Зи Яздони некидиҳиш кард ёд.

Лагомаш ба сар барзаду барнишаст,
Бар он тезшамшер бинҳод даст.

Гала он куҷо буд, яксар биронд,
Ба шамшер-бар номи Яздон бихонд.

Галадор чун бонги аспон шунид,
Саросема аз хоб сар баркашид.

Саворон, ки буданд бо ӯ, бихонд,
Бар аспи сарафрозашон барнишонд.

---

1. ТПЗ- Чунин аст расми сарои дурушт,
Гаҳе пушти зину гаҳе зин ба пушт.
2. М-Бад-ӯ андарун.
3. Л-бо.
4. Л-Бияндохту.

www.sattor.com

Гирифтанд ҳар кас каманду камон,
Бад-он то кӣ бошад чунин бадгумон.

Кӣ ёрад бад-ин марғзор омадан,
Ба наздики чандин савор омадан?

Пас - андар саворон бирафтанд гарм,
Ки бар шери ҷангӣ бидарранд чарм.

Чу Рустам шитобандагонро бидид,
Сабук теғи кин аз миён баркашид.

Биғуррид чун шер, баргуфт ном,
Ки «Ман Рустамам, пури Дастони Сом».

Ба шамшер аз эшон ду баҳра бикушт,
Чу чӯбон чунон дид, бинмуд пушт.

Гурезону Рустам пас - андар дамон,
Ба бозу фиканда ба зеҳ-бар камон.

ОМАДАНИ АФРОСИЁБ БА ДИДОРИ АСПОНИ ХЕШ ВА КУШТАНИ РУСТАМ АКВОНДЕВРО

Чу бод аз шигифтӣ ҳам андар шитоб
Ба дидори асп омад Афросиёб.

Або бодаву руду гурдон ба ҳам,
Бад-он то кунад бар дил андеша кам.

Ба ҷое, ки ҳар сол чӯбон гала
Бар он дашти пуроб кардӣ яла.

Чу наздики он марғзорон расид,
Аз аспону чӯбон нишоне надид.

www.sattor.com

Якояк хурӯшидан омад зи дашт,
Ҳаме асп бар асп бармегузашт.[1]

Зи хоки паи Рахш бар саркашон
Падид омад аз дур пайдо нишон.

Шитобон ҳаме тохт чӯбони пир
Саросемаву зор хаста ба тир.[2]

Чу чӯбон бари шоҳи Турон расид,
Бигуфт аз шигифтӣ, ҳар он ч-аш бидид,

Ки «Танҳо гала бурд Рустам зи дашт,
Зи мо кушт бисёру худ баргузашт».[3]

Зи туркон бароман басе гуфтугӯй,
Ки танҳо ба дашт омад ин кинаҷӯй.

Бипӯшид бояд якояк силеҳ,
Ки ин кори мо баргузашт[4] аз мазеҳ.

Чунон хор гаштему зору забун,
Ки як тан сӯи мо гирояд ба хун.

Ҳаме нанги ин бугзарад бар гала,
Нашояд чунин кор кардан яла.

Сипаҳдор бо чор пилу сипоҳ
Паси Рустам - андар гирифтанд роҳ.

1. ИЛ-якдигар баргузашт.
2. ИМ-б. 149 нест.
3. И-андаргузашт:
   ТПЗ- Чу бишнид Афросиёб ин сухан,
   Бад-ӯ тоза шуд рӯзгори куҳан.
4. И-даргузашт.

www.sattor.com

Чу гаштанд наздик, Рустам камон
Зи бозу бурун карду омад дамон.

Бар эшон буборид чун жола меғ,
Чи тир аз камону чи пӯлод теғ.

Чу афканда шуд шаст, гурди[*1] далер
Ба гурз андаромад зи шамшеру тир.

Чиҳил дигар аз номдорон бикушт,
Ғамӣ шуд сипаҳдору бинмуд пушт.

Аз ӯ бистад он чор пили сапед,
Шуданд он сипоҳ аз ҷаҳон ноумед.

Паси пушташон Рустами гурздор -
Ду фарсанг бар сони абри баҳор,

Ҳама гурз борид ҳамчун тагарг,
Ҳаме чок-чок омад аз хӯду тарг.

Чу баргашту бардошт пилу рама,
Буна ҳар чи омад ба чангаш ҳама.

Чу омад гурозон бари чашма боз,
Дили ҷангҷӯяш шуда ҷангсоз.

Дигарбора Аквон бад-ӯ бозх(в)ард,
«Нагаштӣ, - бад-ӯ гуфт, - сер аз набард?

Бирастӣ зи дарёву ҷанги наҳанг,
Ба дашт омадӣ боз печон ба ҷанг?[*2]

Бубинӣ ту акнун ҳамон рӯзгор,
Ки дигар наҷӯӣ ҳаме корзор».

1. М-марди.
2. М-ҳамчу ғурронпаланг.

www.sattor.com

Таҳамтан чу бишнид гуфтори дев,
Баровард чун шери ҷангӣ ғирев.

Зи фитрок букшод печон каманд,
Бияфканду[*1] омад миёнаш ба банд.

Бупечид бар зину гурзи гарон,
Бароҳехт чун путки оҳангарон.

Бизад бар сари дев чун пили маст,
Сару мағзу пояш ба ҳам даршикаст.[*2]

Фуруд омаду обгун ханҷараш
Бароҳехт,[3] бубрид аз тан[4] сараш.

Ҳаме хонд бар кирдгор офарин,
К-аз ӯ дид[*5] пирӯзии рӯзи кин.

Ту мар девро мардуми бад шинос,
Касе, к-ӯ надорад зи Яздон сипос.

Ҳар он, к-ӯ гузашт аз раҳи мардумӣ,
Зи девон шумар, машмараш з-одамӣ.

Хирад, к-ӯ бад-ин гуфтаҳо награвад,
Магар нек маъниш менашнавад.

Гар он паҳлавоне бувад зӯрманд,
Ба бозу ситабру[6] ба боло баланд,

1. М-Дарафканду.
2. М-Ба як.
3. ЛМ-Бароҳехту.
4. ИЛМ-ҷангӣ.
5. М-ёфт.
6. ИЛ-қавиву.

www.sattor.com

Гавон хону Аквондеваш махон,
Абар паҳлавонӣ бигардон забон.

Чӣ гӯӣ ту, эй хоҷаи солх(в)ард,
Чашида зи гетӣ басе гарму сард.

Кӣ донад, ки чандин нишебу фароз
Ба пеш орад ин рӯзгори дароз.

Таги[1] рӯзгор аз дарозӣ, ки ҳаст,
Ҳаме бугзаронад суханҳо зи даст.[*2]

Кӣ донад, к-аз ин гунбади тезгард
Дар ӯ[3] сур чанд асту чанде[4] набард?

БОЗГАШТАНИ РУСТАМ БА ЭРОНЗАМИН

Чу бубрид Рустам сари дев паст,
Бар он бораи пилпайкар нишаст.

Ба пеш андаровард яксар гала,
Буна ҳар чӣ карданд туркон яла.

Ҳаме рафт бо пилу бо хоста
В-аз ӯ шуд ҷаҳон яксар ороста.

Зи раҳ[5] чун ба шоҳ омад ин огаҳӣ,
Ки баргашт Рустам або[6] фарраҳӣ,

Аз эдар миёнро бад-он кард банд,
Ки то[7] гӯр гирад ба хамми каманд.

---

1. Л-Яке.
2. М-Ҳаме бишканад гардани пили маст.
3. ИЛ-Дари сур.
4. Л-чандин; И-чанд аз.
5. И-В-аз ӯ.
6. И-бад-ин.
7. И-Куҷо.

www.sattor.com

Кунун деву пил омадасташ ба чанг,
Ба хушкиш пилу[1] ба дарё наҳанг.

Наёбад гузар шер аз теғи ӯй,
Ҳамон деву ҳам мардуми киначӯй.[2]

Пазира шуданро бисёрост шоҳ,
Ба сар барниҳоданд гурдон кулоҳ.

Дурафши шаҳаншоҳ[3] бо каррной
Бибурданд бо жандапилу дарой.[4]

Пазира шудандаш дамодам сипоҳ,
Бад-он шодмонӣ ҷаҳондор шоҳ.

Чу Рустам дурафши сарафроз шоҳ
Нигаҳ кард, к-омад пазира ба роҳ,[5]

Фуруд омаду хокро дод бӯс,
Хурӯши сипоҳ омаду бӯқу кӯс.[6]

Нишастанду ҳезум ҳаме сӯхтанд.
Яке хики май доштанд, он замон

---

1. И-хушкӣ палангу.
2. ИЛ-чангҷӯй.
3. И-сипаҳдор.
4. И-б. 191, 192 нест.
5. И - Чу Рустам сару тоҷи Хусрав бидид,
Фуруд омад аз аспу андардавид.
6. ТПЗИМ-Ниҳодаш сари номварро ба хок,
Ҳаме гуфт, эй хусрави тобнок!
Ба пеши яке бандаи кеҳтаре
Пазира наёмад чу ту меҳтаре.
Бавижа яке бандаи кеҳтарон
Манам шоҳро аз нажоди каён.
Бар ӯ офарин кард Хусрав ба меҳр,
Ки бо теғи ту ёр бодо сипеҳр.
Надорад замона чу ту низ ёд,
Ҳамеша будӣ ҷони мо аз ту шод.

www.sattor.com

Пиёда шудандаш зи лашкар сарон,
Шаҳаншоҳ бар зин бияфшурд рон.

Сари саркашон, меҳтари тоҷбахш
Бифармуд, то барнишинад ба Рахш.[1]

В-аз он ҷо ба айвони шоҳ омаданд,
Кушодадилу некхоҳ омаданд.

Бар эрониён-бар гала бахш кард,
Нишастангаҳи хештан Рахш кард.

Фиристод пилон бари пили шоҳ,
Ки бар пил шерон нагиранд роҳ[2]*[3]

Яке[4] ҳафта айвон биёростанд,
Маю руду ромишгарон хостанд.

Ба май Рустам ин достон баркушод,
Зи Аквон ҳаме кард бар шоҳ ёд,

Ки «Гӯре ба хубӣ надидам чун ӯй
Бад-он ёлу он китфу[5] он рангу бӯй.

Чу шамшер бидрид[6] бар тан-ш пӯст,
Бар ӯ-бар набахшуд душман, на дӯст.

Сараш чун сари пилу мӯяш дароз
Даҳон пур зи дандонҳо чун гуроз.

1. ТПЗЛ- Таҳамтан ба Рахш андаромад чу кӯҳ,
Равон гашту бо ӯ равон шуд гурӯҳ.
2. И-Ҳамон ҳар чӣ буд аз дари боргоҳ.
3. М-Худованди тоҷу худованди гоҳ.
4. Л-Чу як.
5. ИМ-сарфарозиву.
6. И-Чу ханҷар бидаррид.

www.sattor.com

Ду чашмаш сапеду лабонаш сиёҳ,
Танашро набоист[*1] кардан нигоҳ.

Бад-он зӯру он тан набошад ҳаюн,
Ҳама дашт аз ӯ шуд чу дарёи хун.

Сараш кардам аз тан ба ханҷар ҷудо,
Чу борон аз ӯ хун шуд[2] андар ҳаво».

Аз ӯ монд Кайхусрав андар шигифт,
Чу бинҳод ҷом, офарин баргирифт.

Бар он, к-ӯ чунин паҳлавон офарид,
Касе ин шигифтӣ ба гетӣ надид,

Ки мардум бувад[3] худ ба кирдори ӯй,
Ба мардиву болову дидори ӯй.

Ҳаме гуфт: «Агар кирдгори сипеҳр
Надодӣ маро баҳра аз доду меҳр.

Набудӣ ба гетӣ чунин кеҳтарам,[*4]
Ки ҳазмон бад-ӯ пилу дев ишкарам».

Ду ҳафта бар он гуна буданд шод,
Зи бигмоз в-аз базм карданд ёд.

Се дигар Таҳамтан чунин кард рой,
Ки пирӯзу шодон равад[5] боз ҷой.

1. М-намонд.
2. Л-Аз ӯ хун ҳамерафт.
3. Л-Набошад чунин.
4. М-чокарам.
5. ИЛ-шавад.

www.sattor.com

«Маро бӯяи Золи[1] Сом аст, - гуфт, -
Чунин орзуро нашояд нуҳуфт.

Шавам зуду оям ба даргоҳ боз,
Бибояд дигар[*2] кинаро кард соз,

Ки кини Сиёвуш ба аспу гала
Нашояд чунин хор кардан яла».

Дари ганҷ букшод шоҳи ҷаҳон,
Гаронмоя гавҳар, ки будаш ниҳон,

Биёварду пур кард ҷоме зи ганҷ
Ба зарбофта ҷомаи шоҳ панҷ.

Ғуломони румӣ ба зарринкамар,
Парастандагон низ бо тавқи зар,

Зи густурданиҳову аз тахти оҷ,
Зи дебову динору пирӯза тоҷ.[3]

Ба наздики Рустам фиристод шоҳ,
Ки ин ҳадя бо хештан бар ба роҳ.

Як имрӯз бо мо бибояд будан
В-аз он пас ҳаме рои рафтан задан.

Бибуданду хӯрданд бо ҳам набид,
Ба шабгир ҷуз рои рафтан надид.

Ду фарсанг бо ӯ бишуд шаҳрёр,
Ба падруд кардан гирифташ канор.

1. И-орзу Золи.
2. М-ҳаме.
3. Л-б. 220, 222 нест.
*2 Бибуду бипаймуд чанде.

www.sattor.com

Чу бо роҳ Рустам ҳамовоз гашт,
Сипаҳдор аз он ҷойгаҳ боз гашт.

Ҷаҳон пок бар меҳри[*1] ӯ гашт рост,
Ҳаме гашт гетӣ бад-он сон, ки хост.

Бар ин гуна гардад ҳаме чархи пир,
Гаҳе чун камон асту гоҳе чу тир.

Аз ин кори Аквон сухан шуд ба сар
Або паҳлавон Рустами номвар.[2][*][3]

Кунун разми Бежан бигӯям, ки чист,
К-аз он разм яксар бибояд гирист.[4]

---

1. М-дасти.
2. Л-пурҳунар:
   ТПЗЛ- Ситоиш кунам Эзади покро,
   Ки гӯёву бино кунад хокро.
   Ба мӯре диҳад молиши наррашер,
   Кунад пашша бар пили ҷангӣ далер*.
   Кунун, з-ин сипас разми Бежан бувад,
   Ба назди гурозон-ш рафтан бувад.

   * Л- Ба ҷои ду байти аввал ин б. омада:
   Тамомӣ бигуфтам зи Аквондев,
   Ба фармони Яздону кайҳонхидев.
3. Або Рустами паҳлави номвар.
4. И-б. 230-231 нест.

www.sattor.com

ДОСТОНИ БЕЖАН БО МАНИЖА

ОҒОЗИ ДОСТОН

Шабе чун шаба рӯй шуста ба қир,
На баҳром пайдо, на кайвон, на тир.

Дигаргуна ороише кард моҳ,
Басечи гузар кард бар пешгоҳ.

Шуда тира андар сарои диранг,
Миён карда борику дил карда танг.

Зи тоҷаш се баҳра шуда лоҷвард,
Сипарда ҳаворо ба зангору гард.[1*2]

Сипоҳи шаби тира бар дашту роғ,
Яке фарш[*3] афканда чун парри зоғ.

Чу пӯлоди зангорхӯрда сипеҳр
Ту гуфтӣ, ба қир андарандуда чеҳр.

Намудам зи ҳар сӯ ба чашм аҳриман,
Чу мори сияҳ боз карда даҳан.

Ҳар он гаҳ ки барзад яке боди сард,
Чу зангӣ барангехт з-ангишт гард.[4*5]

Чунон гашт боғу лаби ҷӯйбор,
Куҷо мавҷ хезад зи дарёи қор.

Фурӯ монда гардуни гардон ба ҷой,
Шуда суст хуршедро дасту пой.

---

1. ИЛ-зангоргард.
2. М-б. 4 нест.
3. М-хилъат.
4. И-б. 5-8 нест.
5. М-к-аз ангишт бар кард.

www.sattor.com

Замин зери[1] он чодари қиргун,
Ту гуфтӣ, шудастӣ ба хоб - андарун.

Ҷаҳонро дил аз хештан пурҳарос,
Ҷарас баргирифта[*2] нигаҳбони пос.

На овои мурғу на ҳаррои дад,
Замона забон баста аз неку бад.[3]

Набуд ҳеч пайдо нишебу фароз,
Дилам танг шуд з-он диранги дароз.

Дар он тангӣ-андар биҷастам зи ҷой,
Яке меҳрубон будам андар сарой.

Хурӯшидаму хостам з-ӯ чароғ,
Даромад[*4] бути меҳрубонам ба боғ.

Маро гуфт: «Шамъ аз чӣ бояд ҳаме,
Шаби тира хобат наояд ҳаме?[5]

Бад-ӯ гуфтам: «Эй бут, наям марди хоб,
Биёвар яке шамъ чун офтоб.

Бинеҳ пешаму базмро соз кун,
Ба чанг ор[6] чангу май оғоз кун.[7]

Бирафт он бути меҳрубонам зи боғ,
Биёвард рахшанда шамъу чароғ.

---

1. ИЛ_андар.
2. М-баркашида.
3. И-б. 12, 13 нест.
4. М-Биёмад.
5. Л-б. 16, 17 нест.
6. Л-Замоне зи чангу.
7. И-б. 18-19 нест.

www.sattor.com

Май оварду нору турунҷу биҳӣ,
Зидуда яке ҷоми шоҳаншаҳӣ.

Гаҳе май гусориду гаҳ чанг сохт,
Ту гуфтӣ, ки Ҳорут найранг сохт.

Дилам бар ҳама ком пирӯз кард,
Шаби тира ҳамчун гаҳи рӯз кард.

Маро меҳрубон ёр бишнав чӣ гуфт,
Аз он пас, ки гаштем бо ҷом ҷуфт.

Маро гуфт он моҳи хуршедчеҳр,
Ки «Аз ҷони ту шод бодо сипеҳр.[1]

Бипаймой май, то яке достон
Зи дафтар барат хонам аз[*2] бостон,

Ки чун гӯшат аз гуфти ман ёфт бархӯ,
Шигифт андар ӯ монӣ аз кори чарх.

Пур аз чораву меҳру найрангу ҷанг
Ҳама аз дари марди фарҳангу санг».[3]

Бад-он сарвбун гуфтам: «Эй моҳрӯй,
Маро имшаб ин достон бозгӯй».[4]

Маро гуфт, к-«Аз ман сухан бишнавӣ,
Ба шеър орӣ аз дафтари паҳлавӣ».

1. И-б. 22-25 нест.
2. М-Фурӯ хонам аз дафтари.
3. И-б. 27-28 нест.
4. ТПЗМ - Зи неку бади чархи носозгор,
Ки орад ба мардум зи ҳар гуна кор,
Надонад касе роҳу сомони ӯй,
На пайдо бувад дарду дармони ӯ.

www.sattor.com

Бигуфтам: «Биёр эй маҳи хубчеҳр,[*1]
Бихон достону бияфзой меҳр.

Магар табъи шӯрида букшоядам,
Шаби тира з-андеша хоб оядам.

Зи ту табъи ман гардад[*2] ороста,
Аё меҳрубон ёри пероста.[3]

Чунон чун зи ту бишнавам дар ба дар,
Ба шеър[4] оварам достон сар ба сар.[5]

Бигӯям, пазирам зи Яздон[*6] сипос,
Аё меҳрубон ҷуфти некишинос».

Бихонд он бути меҳрубон достон
Зи дафтар навишта гаҳи бостон.

Ба гуфтори[*7] шеърам кунун гӯш дор,
Хирад ёд дору ба дил ҳуш дор.[8]

ДОДХОҲИИ ИРМОНИЁН АЗ ХУСРАВ

Чу Кайхусрав омад ба кин хостан,
Ҷаҳон сози нав хост оростан.[*9]

---

1. М-Эй бути меҳрчеҳр.
2. М-гашт табъи ман.
3. ТПЗМ - Чу гӯӣ ба ман боз пӯшида роз,
   Маро табъи носоз гардад басоз.
4. Л-назм.
5. И-б. 31-34 нест.
6. М-Ба шеър ораму ҳам пазирам.
7. М-оғозӣ.
8. И-б. 36-37 нест.
9. М-Пеш аз б. 38 ин б. омада:
   Ба номи худованди гардонсипеҳр,
   Худованди тиру худованди меҳр.

www.sattor.com

Зи Туронзамин гум шуд он тахту гоҳ,
Баромад ба хуршед-бар тахти шоҳ.

Бипайваст бо шаҳри[1] Эрон сипеҳр,
Бар озодагон-бар бигустард меҳр.[2]

Замона чунон шуд, ки буд аз нахуст,
Ба оби вафо рӯи Хусрав бишуст.

Ба ҷӯе, ки як бор[*3] бугзашт об,
Насозад хирадманд аз ӯ ҷои хоб.

Зи гетӣ ду баҳра бар ӯ гашт рост,
Ки кини Сиёвуш ҳаме бозхост.

Ба бигмоз биншаст як рӯз шод,
Зи гурдони лашкар ҳаме кард ёд.

Ба дебо биёроста гоҳ шоҳ,
Ниҳода ба сар-бар зи гавҳар кулоҳ.

Яке ҷоми ёқут пурмай ба чанг,
Дилу гӯш дода ба овои чанг.

Бузургон нишаста ба ромиш ба ҳам:
Фарибурзи Ковус бо[4] Густаҳам;

Чу Гударзу Кашводу Фарҳоду Гев,
Чу Гургини Милоду Шопури нев;

Шаҳи нӯзарон Туси лашкаршикан,
Чу Харроду[5] чун Бежани размзан

1. Л-шоҳи.
2. И-б. 40 нест.
3. М-рӯз.
4. И-Чу Тусу чу Гударзу чун.
5. ИМ-Руҳҳом.

www.sattor.com

Ҳама бодаи хусравонӣ ба даст,
Ҳама паҳлавонони хусравпараст.

Май андар қадаҳ чун ақиқи Яман,
Ба пеш - андарун дастаи[1] настаран.

Паричеҳрагон пеши Хусрав ба пой,
Сари зулфашон бар суман мушксой.

Ҳама базмгаҳ пур зи рангу нигор,
Камар баста дар пеши солори бор.

Зи парда даромад яке пардадор,
Ба наздики солор шуд ҳушёр.

Ки бар дар бипоянд ирмониён,
Сари марзи Эрону туроиён.

Ҳаме роҳ ҷӯянд наздики шоҳ,
Зи роҳи дароз омада додхоҳ.

Чу солори ҳушёр бишнид, тафт[2]
Бари гоҳи[3] Хусрав хиромиду рафт.[4]

Бигуфт, он чӣ бишниду фармон гузид,
Ба пеш - андар овардашон, чун сазид.

Бирафтанд яксар ба наздики[*5] шоҳ,
Ғиревону гирёну фарёдхоҳ.[6]

1. ИМ-лолаву.
2. ИМ-рафт.
3. И-Ба даргоҳи.
4. ИМ-тафт.
5. М-фармони.
6. ИЛ-б. 59 нест.

www.sattor.com

Ба каш карда дасту заминро ба рӯй
Бирафтанд[1] зорикунон пеши ӯй,

Ки «Эй шоҳи пирӯз, ҷовид зӣ,
Ки худ ҷовидон зиндагиро сазӣ.

Зи шаҳре ба дод[2] омадастем дур,
Ки Эрон аз ин рӯю з-он рӯй[3*4] Тур,

Куҷо Хони Ирмон-ш хонанд ном,
Зи ирмониён назди Хусрав паём,

Ки нӯша[*5] бизӣ, шоҳ, то ҷовидон,
Ба ҳар кишваре дастрас бар бадон!

Ба ҳар ҳафт кишвар туӣ шаҳрёр,
Зи ҳар бад ту бошӣ ба ҳар шаҳр ёр.

Сари марзи Турон дари шаҳри мост,
Ба як рӯз аз эшон ба мо-бар балост.

Сӯи шаҳри Эрон яке беша буд,
Ки моро бад-он беша андеша буд.

Чи моя бад-он - андарун киштзор,
Дарахте баровар ҳама мевадор.

Чарогоҳи мо буду бунёди мо,
Аё шоҳи Эрон, бидеҳ доди мо!

Гуроз омад акнун фузун аз шумор,
Гирифт он ҳама бешаву марғзор.[6]

1. ИМ-Сипарданд.
2. И-шаҳри дароз.
3. И-сар в-аз он сар-ш.
4. М-сӯву з-он сӯӯш.
5. М-Анӯша.
6. ЛМ-ҷӯйбор.

www.sattor.com

Ба дандон чу пилон, ба тан ҳамчу кӯҳ
В-аз эшон шуда шаҳри[1] Ирмон сутӯҳ.

Ҳам аз чорпову ҳам аз киштманд
Аз эшон ба мо-бар чӣ моя газанд.

Дарахтони кишта, ки дорем ёд,
Ба дандон ба ду нима карданд шод.

Напояд ба дандонашон санги сахт,
Магармон ба як бор баргашт бахт».

Чу бишнид гуфтори фарёдхоҳ,
Ба дарди дил андар бупечид шоҳ.

Бар эшон бубахшуд Хусрав бадард,
Ба гурдони гарданкаш овоз кард,

К-«Аз ин номдорону гурдони[*2] ман
Кӣ ҷӯяд ҳаме ном дар анҷуман?

Шавад сӯи он бешаи хукх(в)ард
Ба номи бузургу ба нангу[3] набард.

Бибуррад сари он гурозон ба теғ,
Надорам аз ӯ ганҷу гавҳар дареғ».

Яке хони заррин бифармуд шоҳ,
Ки бинҳод ганҷур дар пешгоҳ.

Зи ҳар гуна гавҳар бад-ӯ рехтанд.
Ҳама як ба дигар баромехтанд.

---

1. Л-халқи.
2. М-Ки эй номдорону мардони.
3. И-бузургиву нанги.

www.sattor.com

Даҳ асп овариданд зарринлагом,
Ниҳода бар ӯ Доғи Ковус ном.

Ба дебои румӣ[1] биёростанд,
Пас аз анҷуман номвар хостанд.

Чунин гуфт пас шаҳрёри замин,
Ки «Эй номдорони[*2] боофарин,

Кӣ донад яке ранҷи[3] ман ранҷи хеш
В-аз он пас кунад ганҷи ман ганҷи хеш?»

Кас аз анҷуман ҳеч посух надод,
Магар Бежани Геви фаррухнажод.

Ниҳод аз миёни гавон пеш пой,
Абар шоҳ кард офарини Худой,

Ки «Ҷуз ту мабинод[*4] айвони ту,
Ба гетӣ пароканда[*5] фармони ту![6]

Ман оям ба фармон бар ин кор пеш,
Зи баҳри ту дорам тану ҷони хеш».

Чу Бежан чунин гуфт, Гев аз карон
Нигаҳ карду он кораш омад гарон.

Нахуст офарин кард мар шоҳро,
Ба Бежан намуд он гаҳе роҳро.

---

1. И-саросар.
2. М-паҳлавонон.
3. И-хоҳад ба озарми.
4. М-хурраму бувад гоҳу.
5. М-даво дод.
6. ТП - Манам гӯшдода ба фармони ту,
   Ба гетӣ пароканда паймони ту.

www.sattor.com

Ба фарзанд гуфт: «Ин ҷавонӣ чарост?
Ба нерӯи хеш ин гумонӣ чарост?

Ҷавон арчи доно бувад бо гуҳар,
Абе озмоиш нагирад ҳунар.

Баду нек ҳар гуна бояд кашид,
Зи ҳар шӯру талхӣ бибояд чашид.

Ба роҳе, ки ҳаргиз нарафтӣ, мапӯй,
Бари шоҳ хира мабар оби рӯй».

Зи гуфти падар Бежан ошуфт[*1] сахт,
Ҷавонмарди ҳушёру бедорбахт.

Чунин гуфт, к-«Эй боби пирӯзгар,
Ту бар ман ба сустӣ гумоне мабар.

Ту ин гуфтаҳо аз ман андарпазир,
Ҷавонам ба кирдору дар рой[2] пир.

Сари хукро бугсилонам зи тан,
Манам Бежани Геви лашкаршикан».

Чу Бежан чунин гуфт, шуд шоҳ шод,
Бад-ӯ офарин карду фармон-ш дод.

Бад-ӯ гуфт Хусрав, ки «Эй пурҳунар,
Ҳамеша туӣ пеши ҳар бад сипар.

Касеро куҷо чун ту кеҳтар бувад,
Зи душман битарсад, сабуксар бувад».

Ба Гургини Милод гуфт он гаҳе,
Ки «Бежан ба Ирмон надонад раҳе.

1. М-пас барошуфт.
2. ИЛМ-валекин ба андеша.

www.sattor.com

Ту бо ӯ бирав бо сутуру наванд,[*1]
Ҳамаш роҳбар бошу ҳам ёрманд».

РАФТАНИ БЕЖАН БА ҶАНГИ ГУРОЗОН

В-аз он пас бисечид Бежан ба роҳ,
Камар басту бинҳод бар сар кулоҳ.

Биёвард Гургини Милодро,
Ҳамоварду ҳамрӯзи фарёдро.

Бирафт аз дари шоҳ бо юзу боз,
Ба нахчир кардан ба роҳи дароз.

Ҳаме рафт чун шер[2] кафафканон,
Сари гӯру оҳу зи тан барканон.

Зи чанголи юзон ҳама дашт ғурм,
Дарида бару дил пур аз доғ гурм.

Ҳама гардани гӯр хамми каманд,
Чи Бежан, чи Таҳмураси девбанд?

Тазарвон ба чанголи боз - андарун,
Чакон аз ҳаво бар суманбарг хун.

Бад-ин сон ҳама роҳ бугзоштанд,
Ҳама роҳро[3] боғ пиндоштанд.

Расиданд он ҷо, ки он беша буд
В-аз он шоҳи гурдон пурандеша буд.[4]

1. М-то сари оббанд.
2. ИЛ-пил.
3. Им-даштро.
4. ИЛ-б. 113 нест.

www.sattor.com

Чу Бежан ба беша барафканд чашм,
Бичӯшид хунаш бар ӯ-бар зи хашм.

Гурозон, гурозон на огоҳ аз ин,
Ки Бежан ниҳодаст бар бӯр зин.[1]

Чу омад ба наздики беша фароз,
Ҳаме ҷуст ҳар сӯй ҷанги гуроз.[2]

Ба Гургини Милод гуфт: «Андар ой
В-агар на ба як сӯ бипардоз ҷой.[*3]

Чу ман бо гуроз андароям ба тир,
Бирав то[*4] ба наздики он обгир.

Бад-он гаҳ ки аз беша хезад хурӯш,
Ту бардор гурзу ба ҷой ор ҳуш.

Ҳар он, к-ӯ биёбад зи чангам раҳо,
Ба як захм аз тан сараш кун ҷудо».[5]

Ба Бежан чунин гуфт Гургини гав,
Ки «Паймон на ин буд бо шоҳи нав.

---

1. Гирифтанд як модагӯри гарон.
   Бикарданд яксар бар оташ кабоб,
   Бихӯрданду карданд рои шароб.
   Кушоданд бар бода даст он замон,
   Бибуданд як бо дигар шодмон.
   Чу шуд чеҳра бар ҳар ду тан пуршароб,
   Талаб кард Гургин яке ҷои хоб.
   Бад-ӯ гуфт Бежан маро хоб нест,
   Махусп, эй бародар, замоне биист.
   Ки то бештар кор муҳкам кунем,
   Дили шоҳ аз ин разм беғам кунем.
2. Л-б. 116 нест.
3. М-б. 116, 117 нест.
4. М-Ту рав то ту гуфтӣ, ки гетӣ бар, ӯ.
5. ИЛ-б. 120 нест.

www.sattor.com

Ту бардоштӣ гавҳару симу зар,
Ту бастӣ мар ин размгаҳро камар,[1]

Кунун аз ман ин[2] ёрмандӣ маХоҳ,
Ба ҷуз он ки бинмоямат ҷойгоҳ».[3]

Чу Бежан шунид ин сухан, хира шуд,
Ҳамон чашмаш аз рӯи вай тира шуд.

Ба беша даромад[4] ба кирдори шер,
Камонро ба зеҳ кард марди[5] далер,

Чу абри баҳорон биғуррид сахт,[6]
Чу борон фурӯ рехт барги[7] дарахт.

Бирафт аз паси хук чун пили маст,
Яке ханҷари обдода ба даст.

Ҳама ҷангро пеши[8] ӯ тохтанд,
Заминро ба дандон барандохтанд.[9]

Гурозе биёмад чу Оҳармано,
Зиреҳро бидаррид бар Бежано.

Чу суҳони пӯлод бар санги сахт
Ҳаме суд дандони худ[10] бар дарахт.

---

1. И - Бад-он бо ту моро фиристод шоҳ,
Ки ёри ту бошам ба бероҳу роҳ.
2. И-Ба ман ҷангро.
3. Л-б. 123 нест; И-ҷою роҳ.
4. И-пеш андаромад.
5. -гурди.
6. ИМ-Чу раъди баҳорон хурӯшид сахт.
7. Л-барг аз.
8. Л-сӯи.
9. ТПЗИМ - Зи дандон ҳаме оташ афрӯхтанд,
Ту гуфтӣ, ки гетӣ ҳамесӯхтанд.
10. Л-дандон ӯ.

www.sattor.com

Барангехтанд оташи корзор,
Баромад ҳаме дуд аз он марғзор.

Бизад ханҷаре бар миёни бараш,
Баду нима шуд пилтан пайкараш.

Чу рӯбаҳ шуданд он дадони далер,
Тан аз теғ пурхун,*[1] дил аз ҷанг сер.

Сароншон ба ханҷар бибуррид паст,
Ба фитроки шабранги саркаш бубаст,

Ки дандонашон пеши[2] шоҳ оварад,
Тани бесароншон ба роҳ оварад.

Ба гурдони Эрон намояд ҳунар,
Зи хукони ҷангӣ ҷудо карда сар.

Ба гурдон барафканд ҳар як чу кӯҳ,
Шуда говмеш аз кашидан сутӯҳ.

ФИРЕБ ДОДАНИ ГУРГИН БЕЖАНРО

Бадандеш Гургини шӯридаҳуш,
Ба як сӯ ба беша даромад хамӯш.

Ҳама беша омад ба чашмаш кабуд,
Бар ӯ офарин карду шодӣ намуд.

Ба дил-ш андаромад аз он кор дард,
Зи бадномии хеш тарсид мард.

Дилашро бупечид аҳримано,
Бадӣ сохтан хост бар Бежано.

---

1. М-хаста.
2. ЛМ-назди.

www.sattor.com

Сиголиш чунон буд, набишта чунин,[*1]
Накард эч ёд аз ҷаҳонофарин.

Касе, к-ӯ ба раҳ барканад жарф чоҳ,
Сазад, гар кунад хештанро нигоҳ.[2]

Зи баҳри фузуниву аз баҳри ном,
Ба роҳи ҷавоне бигустард дом.

Ба Бежан чунин гуфт, к-«Эй паҳлавон,[*3]
Дили корзору хирадро равон,[4]

Бароял туро инчунин кор чанд
Ба нерӯи Яздону бахти баланд.

Кунун гуфтаниҳо бигӯям туро,
Ки ман чанд раҳ будаам эдаро -

Чи[*5] бо Рустаму Геву бо Густаҳам,[*6]
Чи бо Туси Нӯзар, чи бо Гуждаҳам.[*7]

---

1. М-ҷуз ин.
2. И-ниҳад бар буни чоҳ гоҳ.
3. М-б. 145 нест.
4. ТПЗМ- Набуд Бежан огаҳ зи кирдори ӯй,
   Ҳаме рост пиндошт гуфтори ӯй.
   Чи хӯрданд аз он сурхмай андаке,
   Ба Гургин нигаҳ кард Бежан яке.
   Бигуфташ, ки «Чун дидӣ ин ҷанги ман,
   Тавонад касе ҷустан оҳанги ман?»
   Бад ӯ-гуфт Гургин, ки «Эй хубрӯй!».
   Ба гетӣ надидам чу ту ҷангҷӯй».
   Дили Бежан аз гутфи ӯ шод гашт,
   Надонист, к-аш дил чу пӯлод гашт.
   Бихӯрданд бода ду-се ҳар касе,
   Бикарданд бозиву шодӣ басе.
   Пас он гоҳ Гургин ба Бежан бигуфт,
   Ки аз шермардит мондам шигифт.
5. М-Або.
6. Газдаҳам.
7. М-Густаҳам.

www.sattor.com

Чи моя ҳунарҳо бад-ин паҳндашт
Бикардему гардун[*1] бар он баргузашт.

Куҷо номи мо з-он баромад баланд,
Ба наздики Хусрав шудем арҷманд.

Яке ҷашнгоҳ аст аз эдар на дур,
Ба дурӯза роҳ андароянд ба Тур.

Яке дашт бинӣ ҳама сурху зард,
К-аз ӯ шод гардад дили родмард.[2]

Ҳама бешаву боғу оби равон,
Яке ҷойгоҳ аз дари паҳлавон -

Замин парниёну ҳаво мушкбӯй,
Гулоб аст гӯӣ магар оби ҷӯй.

Хам оварда аз бор шохи саман,
Санам шуд гулу гашта булбул шаман.

Хиромон ба гирди гулон-бар[*3] тазарв,
Хурӯшидани булбул аз шоҳи сарв.

Аз ин пас кунун то на бас рӯзгор-
Шавад чун биҳишт он лаби[*4] ҷӯйбор,[5]

Паричеҳра бинӣ ҳама дашту кӯҳ,
Ба ҳар сӯ ба шодӣ нишаста гурӯҳ.

Манижа куҷо духти Афросиёб
Дурахшон кунад боғ чун офтоб.

1. М-ки кардему чанде.
2. И-дилозод мард.
3. М-гул андар.
4. М-ҳама.
5. И-ҳама марғзор.

www.sattor.com

Занад хайма з-он гаҳ бад-он марғзор
Або сад канизак ҳама чун нигор.[1]

Ҳама духттуркони пӯшидарӯй,
Ҳама сарвқадду ҳама мушкмӯй.

Ҳама рух пур аз гул, ҳама чашм хоб,
Ҳама лаб пур аз май ба бӯи гулоб.

Ҳама дашт бинӣ биёроста,
Чу бутхонаи Чин пур аз хоста.[2]

Агар мо ба наздики он ҷашнгоҳ
Шавему битозем як рӯз[3] роҳ,

Бигирем аз эшон паричеҳра чанд,
Ба наздики Хусрав шавем арҷманд».

Чу Гургин чунин гуфт, Бежан ҷавон
Биҷунбидаш он гавҳари паҳлавон.[4]

Гаҳе ном ҷуст андар он, гоҳ ком,
Ҷавон буд, ҷавонвор бардошт гом.

РАФТАНИ БЕЖАН БА ДИДАНИ МАНИЖА — ДУХТАРИ АФРОСИЁБ

Бирафтанд ҳарду ба роҳи дароз
Яке озпеша,*[5] яке кинасоз.

---

1. Л-б. 160 нест.
2. Л-ббб. 163 нест.
3. ИЛ-якрӯза.
4. ТПЗМ - Бигуфто ҳало, ҳин бирав, то равем,
   Ба дидори он ҷашни хуррам шавем.
   Бар он сон нишастанд он гоҳ зуд,
   Бирафтанд аз он сӯ, ки он ҷашн буд.
5. М-ростпеша.

www.sattor.com

Миёни ду беша ба як рӯз роҳ
Фуруд омад он гурди лашкарпаноҳ.

Дар он марғзорони Ирмон ду рӯз
Ҳаме шод буданд бо бозу юз.

Чу донист Гургин, ки омад арӯс,
Ҳама дашт аз ӯ шуд чу чашми хурӯс.

Ба Бежан пас он достон баркушод
В-аз он ҷашну ромиш ҳаме кард ёд.

Ба Гургин чунин гуфт пас Бежано,
Ки «Ман пештар созам ин рафтано.

Шавам, базмгаҳшон бубинам зи дур,
Ки турониён чун бисечанд сур.[1]

В-аз он ҷо ҳамон гаҳ бупечам инон,
Ба гардун барорам зидудасинон.

Занем он гаҳе рой ҳушёртар,
Шавад дил зи дидор бедортар.[2]

Ба ганҷур гуфт: «Он кулоҳи падар,
Ки дар базмгаҳ барниҳодӣ ба сар,

Ки равшан[*3] шудӣ з-ӯ ҳама базмгоҳ,
Биёвар, ки моро ба базм аст роҳ.

---

1. ТПЗМ - Нахустин яке рӯяшон бингарам,
Бубинам, кӣ ояд ба дил хуштарам.
2. ТПЗМ - Бад-ӯ гуфт Гургин: Бирав шод бош,
Ҳамеша аз андӯҳ озод бош!
Чу бархост Бежан ду рух ҳамчу вард,
Зи баҳри шудан кори худ рост кард.
3. М-рахшон.

www.sattor.com

Ҳамон тавқи Кайхусраву гӯшвор,
Ҳамон ёраи Гев гавҳарнигор[1]

Бипӯшид рахшанда румӣ қабой,
Ба[2] тоҷ андаровехт парри ҳумой.

Ниҳоданд бар пушти шабранг зин,
Камар хост бо паҳлавонӣ нигин.

Ба асп андаровард пою бирафт,
Ҳаме тохташ то бад-он ҷой тафт.[3]*[4]

Биёмад, чу[5] наздики он[*6] беша шуд,
Дил аз коми[7] хешаш пурандеша шуд.

Ба зери яке сарвбун шуд баланд,
Ки то з-офтобаш набошад[*8] газанд.

Ба наздики он хаймаи хубчеҳр
Биёмад, ба дил-ш андаровехт меҳр.[9]

Ҳама дошт аз овои руду суруд
Равонро ҳаме дод гуфтӣ дуруд.

---

1. ТПЗЛ - Биёвард ганҷур чунон ки гуфт
   Бари Бежани паҳлавон аз нуҳуфт.
2. ИЛ-Зи.
3. И-б. 182 нест.
4. М-Хиромон ба наздики он беша тафт.
5. И-ба.
6. М-Чу наздиктар рафту дар.
7. И-кори.
8. М-наёбад.
9. ТПЗМ - Бидошт аспро ҳам бад-он ҷойгоҳ,
   Ҳаме кард пинҳон бад-эшон нигоҳ.
   Бутон дид чун лӯъбати Қандаҳор,
   Биёроста ҳамчу хуррам баҳор.

www.sattor.com

Чу он хубчеҳра зи хайма ба роҳ
Бидид он рухи паҳлавони сипоҳ,[*1]

Ба рухсорагон чун Суҳайли Яман,
Бунафша дамида ба гирди[*2] суман,

Кулоҳи ҷаҳонпаҳлавон бар сараш,
Фурӯзон зи дебои румӣ бараш.[3]

Ба парда дарун духти пӯшидарӯй,
Биҷӯшид меҳраш бар он меҳрҷӯй.[*4]

Фиристод мар дояро чун наванд,
Ки рав зери он шохи сарви баланд.

Нигаҳ кун, ки он моҳдидор кист,
Сиёвуш магар зинда шуд[5] ё парист?

Бипурсаш, ки чун омадӣ эдаро,
Кӣ овардат эдун бад-ин ҷодаро?

Паризодаӣ, ё Сиёвахшиё,
Ки дилро[6] ба меҳрат ҳаме бахшиё?

Магар хост андар ҷаҳон растахез,
Ки бифрӯхтӣ оташи меҳр тез,

---

1. М-саҳиқадди лашкарпаноҳ.
2. М-гирифта ду барги.
3. И-пас аз б. 189 ин б. омада:

   Манижа зи хайма яке бингарид
   Бад-он сарвбун, рӯи Бежан бидид,
   Бимонд аз накӯрӯи Бежан шигифт,
   Дилаш меҳри Бежан чунин баргирифт.

4. М-хуршедрӯй.
5. Л-гумонам, ки ҳаст.
6. -дилҳо.

www.sattor.com

Ки ман[*1] солиён то бад-ин марғзор,
Ҳаме ҷашни нав созам андар баҳор.[2]

Бар ин ҷашнгаҳ-бар надидем кас,
Туро бинам,[3] эй сарви озоду бас.

Бигӯяш, ки ту мардумӣ ё парӣ,
Бар ин ҷашгнаҳ-бар ҳаме бугзарӣ.

Надидам чу ту ҳеч,[4] эй моҳрӯй,
Чӣ номӣ туву аз куҷоӣ,[5] бигӯй?[6]

Чу доя[*7] бари Бежан омад фароз,
Бар ӯ офарин карду бурдаш намоз.

Паёми Манижа ба Бежан бигуфт,
Ду рухсори Бежан чу гул баршукуфт.

Чунин гуфт худкома Бежан бад-ӯй,
Ки «Ман, эй фиристодаи хубгӯй,[8]

Сиёвуш наям, на[9] паризодагон,
Аз Эронам, аз шаҳри озодагон.

Манам Бежани Гев, аз Эрон ба ҷанг
Ба разми[10] гуроз омадам тезҷанг.

---

1. М-то.
2. ИМ-Ҳаме ҷашн созам бар ин навбаҳор.
3. ИЛ-дидам.
4. И-Надидем ҳаргиз чу ту.
5. ИМ-Ту акнун кадомӣ, чӣ номӣ.
6. ТПЗМ - Чу бишнид доя зи духтар паём,
Сабук рафт, ҳаме зад ба раҳ тез гом.
7. М-В-аз он ҷо.
8. И-чарбгӯй.
9. ЛМ-н-аз; И-не.
10. Л-захми.

www.sattor.com

Сароншон буридан, фикандам ба роҳ,
Ки дандонҳошон барам назди шоҳ.

Чу з-ин базмгаҳ огаҳӣ ёфтам,
Сӯи Геви Гударз наштофтам,[1]

Магар чеҳраи духти Афросиёб
Намояд маро бахти фаррух ба хоб.[2]

Ҳаме бинам ин дашти ороста,
Чу бутхонаи Чин пур аз хоста.

Агар некроӣ кунӣ, тоҷи зар
Туро бахшаму[3] гӯшвору камар.

Маро сӯи он хубчеҳр оварӣ,
Дилаш бо ман-андар ба меҳр оварӣ».

Чу Бежан чунин гуфт, шуд доя боз,
Ба гӯши Манижа расонид[*4] роз,

Ки рӯяш чунин асту боло чунин,
Чунин офаридаш ҷаҳонофарин.

Фиристод посух ҳам андар замон,
К-«Ат омад ба даст, он чӣ бурдӣ гумон,

Ки ой хиромон ба наздики ман,
Барафрӯзӣ ин ҷони торики ман.

---

1. И-Бар ин ҷойгаҳ зуд биштофтам.
   ТМ- Сабук роҳи ин беша бардоштам,
   Пурандеша ин роҳ бугзоштам.
2. ТПЗМ - Гарам ту бар ин кор ёвар бувӣ,
   Ба ту бахшам ин ҷомаи хусравӣ.
   Зи ман ёбӣ ин ҷоми гавҳарнигор,
   Зи гавҳар бад-ӯ андарун гӯшвор.
3. И-бахшам аз.
4. М-сароид.

www.sattor.com

Ба дидори ту чашм равшан шавад,[1]
Дару дашту[2] хиргоҳ гулшан шавад».[3]

Фиристода омад ҳамон раҳнамой,
Дилу гӯши Бежан ба посух сарой.[4]

ОМАДАНИ БЕЖАН БА ХАЙМАИ МАНИЖА

Намонд он замон ҷойгоҳи сухун,
Хиромид аз сояи сарвбун.

Сӯи хаймаи духти Афросиёб[5]
Пиёда ҳаме гом зад бошитоб.[6]

Ба парда даромад чу сарви баланд,
Миёнаш ба зарринкамар карда банд.

Манижа биёмад, гирифташ ба бар,
Кушод аз миёнаш каёнӣ камар.

Бипурсидаш аз роҳу аз кору соз,[7]
Ки бо ту кӣ омад ба ҷанги гуроз?[8]

Чаро инчунин қадду ин рӯю бурз
Биранҷонӣ, эй хубчеҳра, ба гурз?

Бишустанд пояш ба мушку гулоб,
Гирифтанд аз он пас ба хӯрдан шитоб.

1. ИЛМ-кунам.
2. ИЛ-Бад-ин дашт.
3. ИЛМ-кунам.
4. И-Ба посух дили Бежан омад гирой.
5. ИЛМ-озодахӯй.
6. ИЛМ-б-орзӯй.
7. ИЛ-роҳ в-аз корвон.
8. ИЛ-ҷанг аз гавон.

www.sattor.com

Ниҳоданд хону хуриш гунагун,
Ҳаме сохтандаш фузунӣ фузун.[1]

Нишастангаҳи руду май сохтанд,
Зи бегона хиргаҳ бипардохтанд.

Парастандагон истода ба пой,
Або барбату чанги ромишсарой.

Ба дебо замин карда товусранг,
Зи динору дебо[*2] пушти паланг.

Чӣ аз мушку анбар, чӣ ёқуту зар
Саропарда ороста сар ба сар.

Маи солхӯрда ба ҷоми булӯр
Бароварда бо Бежани Гев зӯр.

Се рӯзу се шаб шод буда шод ба ҳам,
Гирифта бар ӯ хобу мастӣ ситам.

БУРДАНИ МАНИЖА БЕЖАНРО БА КОХИ ХУД

Чу ҳангоми рафтан фароз омадаш,
Ба дидори Бежан ниёз омадаш.

Манижа чу Бежан дижамрӯй монд,
Парастандагонро бари хеш хонд.

Бифармуд, то доруи ҳушбар
Парастанда омехт бо нӯш - бар.

1. ИЛ-Ҳаме сохтанд аз гумонӣ фузун.
2. М-хиргаҳ.

www.sattor.com

Бидоданд, чун хӯрд, шуд мард маст,
Абе хештан сар-ш бинҳод паст.[1]

Иморӣ бисечиду рафтан[*2] ба роҳ
Мар он хуфтаро андар он ҷойгоҳ -

Зи як сӯ нишастангаҳи комро,
Дигар сӯй аз баҳри оромро.

Бигустард кофур бар ҷои хоб,
Ҳаме рехт бар чӯби сандал гулоб.

Чу омад ба наздики шаҳр-андаро,
Бипӯшид бар хуфта-бар чодаро.

Нуҳуфта ба кох андаромад ба шаб,
Ба бегонагон ҳеч накшод лаб.

Ба айвон биёросташ ҷои хоб,
Ба бедории Бежан омад шитоб.

Дарафканд доруи ҳушаш ба гӯш,
Бад-он, то ба ҷои худ ояд-ш ҳуш.[3]

Чу бедор шуд Бежану ҳуш ёфт,
Нигори суманбар дар оғӯш ёфт.

Ба айвони Афросиёб-андаро,
Або моҳрӯе ба болин саро.

---

1. И-пас аз б. 234 ин б. омада:
   Яке маҳди шоҳона аз чӯби соҷ,
   Ҳама бандҳо симу пайкар зи оҷ,
   Кашида бар ӯ дебаи парниён,
   Бихуфт андар он Бежани паҳлавон.
2. М-омад.
3. ИЛМ-б. 241 нест.

www.sattor.com

Бупечид бар хештан Бежано,
Ба Яздон паноҳид[1] з-Аҳримано.

Чунин гуфт, к-«Эй кирдгоро, маро
Раҳоӣ нахоҳад будан з-эдаро.

Зи Гургин бихоҳӣ магар кини ман,
Бар ӯ бишнавӣ дарду нафрини ман,

Ки ӯ буд ин бад маро раҳнамун,
Ҳаме хонд бар ман ҳазорон фусун».

Манижа бад-ӯ гуфт: «Дил шод дор,
Ҳама кори нобударо бод дор.

Ба мардон зи ҳар гуна кор оядо,
Гаҳе базму гаҳ корзор оядо».[2]

Ниҳоданд ҳар ду ба хӯрдан саро,
Ки ҳам дор буд пешу ҳам минбаро.

Зи ҳар хиргаҳе гулрухе хостанд,
Ба дебои чинӣ биёростанд.

Паричеҳрагон руд бардоштанд,
Ба шодӣ шабу[3] рӯз бугзоштанд.

---

1. И-бинолид.
2. И-пас аз б. 249 ин б. омада:
   Яке ҷоми май барниҳодаш ба даст,
   Ҳаме гуфт, эй шери хусравпараст!
   Бихӯр май, махур ҳеч андӯҳу ғам,
   На аз ғам фузунӣ биёяд, на кам.
   Ҳанӯз андуҳе н-омада пеш, ту
   Чӣ дорӣ ба андӯҳ дил реш ту?!
   Агар шоҳ ёбад зи корат хабар,
   Кунам ҷони ширин ба пешат сипар.
3. ЛМ-ҳама.

www.sattor.com

Чу бугзашт як рӯзгор андар ин,[*1]
Пас огоҳӣ омад ба дарбон аз ин.

Касе, к-аз газофа сухан ронадо,
Дарахти балоро биҷунбонадо.

Нуҳуфта ҳама розҳо бозҷуст,
Ба жарфӣ нигаҳ кард кор аз нахуст.

Нигаҳ кард, к-ӯ кист, шаҳраш куҷост,
Бад-ин омадан сӯи Турон чӣ хост.[*2]

Бидонисту тарсон шуд аз ҷони хеш,
Шитобид наздики дармони хеш.

Ҷуз огоҳ кардан надид эч рой,
Давон аз паси парда бардошт пой.

Биёмад бари шоҳи Турон, бигуфт,
Ки духтар-т аз Эрон гузидаст ҷуфт».

Ҷаҳонҷӯй кард аз ҷаҳондор ёд,
Ту гуфтӣ, ки бед аст ҳангоми бод.

Ба даст аз мижа[*3] хуни мижгон бируфт,
Барошуфту ин достон бозгуфт:

«Киро аз паси парда духтар бувад,
Агар тоҷ дорад, бадахтар бувад».

Зи кори Манижа ба хира бимонд,
Қарохони солорро пеш хонд.

1. М-Чу якчанд баугзашташон инчунин.
2. М-чарост.
3. М-Зи дида ба рух.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт: «Аз ин кори нопокзан
Ҳушивор бо ман яке рой зан».

Чунин дод посух Қарохон ба шоҳ,
Ки «Дар кор ҳушёртар кун нигоҳ.

Агар ҳаст, худ ҷои гуфтор нест,
Валекин шунидан чу дидор нест».

Чу посух чунин ёфт Афросиёб,[1]
Зи гуфти Қарохонаш омад шитоб.

Ба Гарсеваз - андар яке бингарид,
К-аз Эрон чӣ дидему хоҳем дид.

Замона чаро бандад ин банди[*2] бад,
Ғами шаҳри Эрону фарзанди бад.[*3]

Бирав бо саворони ҳушёрсар,
Нигаҳ дор мар кохро бому дар.

Нигар, то чӣ бинӣ ба кох-андаро,
Бубанду кашонаш, биёр эдаро.

БУРДАНИ ГАРСЕВАЗ БЕЖАНРО ПЕШИ АФРОСИЁБ

Чу Гарсеваз омад ба наздики дар,
Зи айвон хурӯш омаду нӯшу[4] х (в) ар.

Ғиревидани чангу бонги рубоб
Баромад зи айвони Афросиёб.

1. И-б. 267 нест.
2. М-Ба гетӣ киро буд чунин рӯзи.
3. М-хвад.
4. И-гиру.
   Л-пас аз б. 274 ин б. омада:
   Саворон гирифтанд гирд - андараш,
   Чу солор шуд сӯи баста дараш.

www.sattor.com

Саворон дару боми айвони шоҳ
Гирифтану ҳар сӯ бубастанд роҳ.[1]

Чу Гарсеваз он кох дарбаста дид,
Маю ғулғулу нӯши пайваста дид.

Бизад дасту барканд бандаш зи ҷой,
Биҷаст аз дар андар миёни сарой.

Биёмад ба наздики он хона зуд,
Куҷо андар ӯ[*2] марди бегона буд.

Зи дар чун ба Бежан барафканд чашм,
Биҷӯшид хунаш бар ӯ-бар зи хашм.

Дар он хона сесад парастанда буд,
Ҳама бо рубобу набиду суруд.

Чу Бежан нишаста миёни занон,
Ба лаб-бар[*3] маи сурху шодикунон.

Хурӯшид Гарсеваз он гаҳ бадард,[*4]
Ки «Эй хешнашноси нопокмард!

Фитодӣ ба чанголи шери жиён,
Куҷо бурд хоҳӣ ту ҷон з-ин миён?».[5]

Бупечид бар хештан Бежано,
Ки чун разм созам бараҳнатано.

На шабранг бо ман, на раҳвори бур,
Ҳамоно, ки баргаштам имрӯз ҳур.

---

1. И-гиру.
2. М-пеши гаҳ.
3. М-каф-бар.
4. М-Бад-ӯ бонг Гарсеваз аз дур кард.
5. ИЛ-б. 280-282 нест.

www.sattor.com

Кучо Геви Гударзи Кашводагон,
Ки сар дод бояд ҳаме ройгон?

Ба[1] гетӣ набинам ҳаме ёр кас,
Ҷуз Эзад маро нест фарёдрас.

Ҳамеша ба як соқи мӯза - дарун
Яке ханҷаре доштӣ обгун.

Бизад дасту ханҷар кашид аз ниём,
Дари хона бигрифту баргуфт ном,

Ки «Ман Бежанам, пури Кашводагон,
Сари паҳлавонону озодагон.

Надаррад касе пӯст бар ман, магар
Ҳаме серӣ ояд танашро зи сар.

В-агар хезад андар ҷаҳон растахез,
Набинад касе пушти ман дар гурез».

Пас он гаҳ ба Гарсеваз[2] овоз кард,[3]
Ки «Бо[*4] ман чунин[5] бахти бад соз кард.

Ту донӣ ниёкону шоҳи маро,
Миёни ялон пойгоҳи маро.

Агар ҷанг созед[*6] ман ҷангро
Ҳамеша бишӯям ба хун чангро.[7]

1. ИМ-Зи.
2. ИЛ-Гаршеваз.
3. И-аз гоҳ овоз кард.
4. М-бар.
5. И-бад ин.
6. М-ҷӯед.
7. И-Ба хун шуста дорам ҳаме ҷангро.

www.sattor.com

Зи турониён ман бад-ин ханҷаро
Бибуррам фаровон саронро саро.

Гарам назди солори Турон барӣ,
Бихонам бар ӯ достон яксарӣ.

Ту хоҳишгарӣ кун маро з-ӯ ба хун,
Сазад, гар ба некӣ шавӣ[1] раҳнамун».

Нигаҳ кард Гарсеваз[2] оҳанги ӯй,
Ба ҷанг-андарун[*3] тезии чанги ӯй.

Чу донист, к-ӯ ҷанг ҷӯяд ҳаме,
Ба хун рехтан даст шӯяд ҳаме.

Вафо кард бо ӯ ба савгандҳо,
Ба хубӣ бидодаш басе пандҳо.

Ба паймон ҷудо кард аз ӯ ханҷаро,
Ба чарбӣ кашидаш ба банд-андаро.

Саропой басташ ба кирдори юз,
Чӣ суд аз ҳунарҳо, чу баргашт рӯз?!

Чунин аст гардандаи кӯжпушт,
Чу нармӣ намудӣ, биёбӣ дурушт.[4]

Бар он сон ба наздики Афросиёб
Бибурданд рух зарду дида пуроб.[5]

---

1. И-бувад.
2. ИЛ-Гаршеваз.
3. М-чу дид андарун.
4. И - Чунин аст ин гунбади лоҷвард,
   Надонад ҳаме қадри озодмард.
5. И-пас аз б. 304 ин б. омада:
   Чунин аст гарданда кори ҷаҳон,
   Ки мотам кунад сур ҳам дар замон.

www.sattor.com

Чу омад ба наздики шоҳ - андаро
Гави дастбаста[1] бараҳнасаро,[2]

Бад-ӯ офарин кард, к-«Эй шаҳрёр,
Сазад, гар[3] кунӣ ростӣ хостор.

На ман б-орзу ҷустам ин пешгоҳ,
Набуд андар ин кор касро гуноҳ.

Аз Эрон ба ҷанги гуроз омадам,
Бад-ин ҷашни Турон фароз омадам.

Зи баҳри яке бози гумбударо,
Барандохтам меҳану дударо.

Ба зери яке сарв рафтам ба хоб,
Ки то соя дорад маро з-офтоб.

Парие биёмад бигустард пар,
Маро андаровард хуфта ба бар.

Зи аспам ҷудо карду шуд то ба роҳ,
Ки омад ҳаме лашкари духти шоҳ.

Саворон пароканда бар гирди дашт,[4]
Фаровон[*5] иморӣ ба ман баргузашт.

Яке чатри турӣ[6] баромад зи дур,
Гирифта зи ҳар сӯ саворони Тур.

---

1. И-Ду дасташ бубаста.
2. ТПЗМ - Бад ӯ гуфт шоҳ: «Эй бади хирасар!
   Чаро омадастӣ бад-ин буму бар?»
3. ИЛМ-Гар аз ман.
4. Л-дар паҳндашт.
5. М-Зи ҳар сӯ.
6. ИМ-ҳиндӣ.

www.sattor.com

Яке нав иморӣ буд андар миён,
Кашида бар ӯ чодари парниён.

Бад-ӯ - андарун хуфта буд пайкаре,
Ниҳода ба болин-ш-бар афсаре.

Парӣ як ба як з-Аҳриман кард ёд,
Миёни саворон биёмад[1] чу бод.

Маро ногаҳон дар иморӣ нишонд,
Бар он хубчеҳра фусуне бихонд,

Ки то андар айвони Афросиёб
Нашуд ҳеч бедор чашмам зи хоб.[2]

Гуноҳе маро андар ин буда нест,
Манижа бад-ин кор олуда нест.

Парӣ, бегумон, бахти баргашта буд,
Ки бар ман ҳаме ҷодуӣ озмуд».[3]

Чунин дод посух пас Афросиёб,
Ки «Рӯзи бадат кард бар ту шитоб.

Ту онӣ, к-аз Эрон ба гурзу[4] каманд
Ҳаме разм ҷустӣ ба[5] номи баланд.

Кунун назди ман чун занон баста даст
Ҳаме хоб гӯӣ ба кирдори маст.

---

1. ИМ-даромад.
2. ТПЗМ - Замоне ба айвон бимондам зи хоб,
   Бичунбидаму чашм кардам пур об.
3. И-пас аз б. 300 ин б. омада:
   Чу солори Турон шунид ин сухан,
   Дилаш гашт пуркину дарди куҳан.
4. И-теғу.
5. ИМ-ҷустиву.

www.sattor.com

Ба гуфти[1] дурӯғ озмудам ҳаме,
Бихоҳӣ сар аз ман рабудан ҳаме?»

Бад-ӯ гуфт Бежан, ки «Эй шаҳрёр,
Сухан бишнав аз ман, яке ҳуш[*2] дор.

Гурозон ба дандону шерон ба чанг
Тавонанд кардан ба ҳар ҷой ҷанг.

Ялон ҳам ба шамшеру тиру камон
Тавонанд кӯшид бо бадгумон.

Яке дастбаста, бараҳнатано,
Якеро зи пӯлод пероҳано.

Чӣ гуна ҷаҳад шер бе чанги тез,
Агарчанд бошад дилаш пурситез?

Агар шоҳ хоҳад, ки бинад зи ман
Далерӣ намудан бад-ин анҷуман -

Яке асп фармову гурзи гарон,
Гузин кун зи туркон[*3] ҳазорон сарон.

Ба овардгаҳ гар яке з-он ҳазор
Агар зинда монам, ба мардам мадор».

Чу аз Бежан ин гуфта бишнид, чашм
Бар ӯ барфиканду баровард хашм.

Ба Гарсеваз-андар[4] яке[5] бингарид,
Бад-ӯ гуфт, чун ин суханҳо шунид:

1. И-кори.
2. М-гӯш.
3. М-Зи Турон гузин кун
4. Л-Гаршеваз эдар.
5. И-Гаршеваз андар чунон.

www.sattor.com

«Набинӣ, ки ин бадкуниш Римано,
Фузунӣ сиголад ҳаме бар мано.

Писанда[1] набудаш ҳамин бад, ки кард,
Кунун[2] разм ҷӯяд ба нангу набард.

Бубар ҳамчунин банд бар дасту пой,
Ҳам андар замон з-ӯ бипардоз ҷой.

Бифармой доре задан пеши дар,
Ки бошад зи ҳар сӯ бар ӯ-бар гузар.

Нагунбахтро зинда бар дор кун
В-аз он[3] низ бо мо[4] магардон сухун.

Бад-он то зи эрониён з-ин сипас
Наёрад ба Турон нигаҳ кард кас».

Кашидандаш аз пеши Афросиёб,
Дил аз дард хаста, ду дида пуроб.

Чу омад ба дар Бежани хастадил,
Зи оби[5] мижа пой монда ба гил.

Ҳаме гуфт: «Агар бар сарам кирдгор
Набиштаст мурдан ба бад рӯзгор,[6]

Зи дору зи куштан натарсам ҳаме,[7]
Зи гурдони Эрон[8] битафсам ҳаме.[9]

---

1. И-Басанда.
2. ИМ-Ҳаме.
3. И-ӯ.
4. И-ман.
5. ИЛМ-хуни.
6. ТПЗЛИМ - Ки номард хонад маро душманам,
   Зи нохаста бар дор карда танам.
7. И-кунун.
8. Л-В-аз эрониён ман.
9. И-шудам сарнагун.

www.sattor.com

Ба пеши ниёкони хусравманиш
Пас аз марг бошад ба ман[1] сарзаниш.[2]

Дареғо, ки шодон шавад душманам,
Барояд ҳама коми дил бар танам.[3]

Дареғо, шаҳаншоҳу дидору Гев,
Дареғо, ки дурам зи гурдони нев.

Аё бод бигзар ба Эронзамин,
Паёме зи ман бар ба шоҳи гузин.[4]

---

1. ИЛ-бар ман бувад.
2. ТПЗИ - Равонам бимонад ҳам эдар ба пой,
Зи шарми падар чун шавад боз ҷой.
3. Л-Чу бинанд бар дори рӯин танам.
ТПЗ - Дареғо ҷавонмардиву номи ман,
Дареғ он хӯру хобу ороми ман.
Дареғо, ки боби ман он паҳлавон,
Бимонад зи ҳиҷрони ман нотавон.
Дареғо, ки аз ман надорад хабар,
Ки мондастам ин ҷой хастаҷигар.
Дареғо, надорад падар огаҳӣ,
Ки Бежан зи ҷон гашт хоҳад тиҳӣ.
Дареғо, ки пажмурд рухсори ман,
Чунин каж чаро гашт паргори ман.
Дареғо, ки ҳамсолу ёрони ман
Чу огаҳ шаванд аз ғами ҷони ман,
Ба дарди дил оваҳ, ки бирён шаванд,
Чу бар ҳоли ман зор гирён шаванд.
Гар эзад ба ман-бар бубахшоядо,
Тани размҷӯям нафарсоядо.
Бубахшад ҷаҳонофарин бар танам,
Шавад зору пурхун дили душманам.
4. ТПЗ- Ба Гударзу Густаҳму Геви далер,
Ба Тусу Фарибурзу Руҳҳоми шер,
Ба гурдони Эрон расонам хабар
В-аз он ҷо ба Кобулситон баргузар.
Ба Рустам расон зуд аз ман хабар,
Бад-он то бубандад ба кинам камар.

www.sattor.com

Бигӯяш, ки Бежан ба сахтӣ - дар аст,
Танаш зери чанголи шери нар аст.

Ба Гударзи Кашвод аз ман бигӯй,
Ки аз кори Гургин бишуд оби рӯй».

Маро дар балое фиканд ӯ, ки кас
Набинам ҳаме ҳеч фарёдрас.

Ба Гургин бигӯ, эй яли[*1] сустрой,
Чӣ гӯӣ ту бо ман ба дигар сарой?[2]

ҶОНИ БЕЖАН ХОСТАНИ ПИРОН АЗ АФРОСИЁБ

Бубахшуд Яздон ҷавонишро,
Ба ҳам[*3] баршикаст он гумонишро.

Кананда ҳаме канд ҷои дарахт,
Падид омад аз дур Пирон зи бахт.

Чу Пирони Виса бад-он ҷо расид,
Ҳама роҳ турки камарбаста дид.

---

1. М-саги.
2. И-б. 347-353 нест; Л-б. 351-353 нест

ТПЗ - Ки ман бо ту мардӣ намудам басе,
Ки ҳаргиз накардаст кас бо касе.
Мукофоти онро бадӣ сохтӣ,
Ба доми бало - андар андохтӣ.
Гумони ту ин буд, ки ман кори ту
Бигӯям ба гурдон зи кирдори ту.
Зи номардии хеш тарсидиё,
Зи ҷону равонам ту бубридиё.
Кунун Гев чун ҳоли ман бишнавад,
Ба соли дароз аз ту менагравад.
Бурида кунад номат андар ҷаҳон,
Наёранд гуфтан зи бахрат меҳон.
Бинолиду дилро зи ҷон баргирифт,
Сазад, гар бимонӣ бад-ин дар шигифт.

3. М-Ҳаме.

www.sattor.com

Яке дор бар пой карда баланд,
Фурӯ ҳишта аз дор печон каманд.

Ба турониён гуфт, к-«Ин дор чист,
Дили шоҳи Турон бар озори кист?»

Бад-ӯ гуфт Гарсеваз:[1] «Ин Бежан аст,
Аз Эрон куҷо[2] шоҳро[*3] душман аст».

Бизад аспу омад бари Бежано,
Ҷигар хаста дидаш, бараҳна тано.

Ду даст аз паси пушт баста чу санг,
Даҳон хушку рафта зи рух обу ранг.

Бипурсиду гуфташ,[*4] ки «Чун омадӣ,
Аз Эрон ҳамоно ба хун омадӣ?»

Ҳама достон Бежан ӯро бигуфт,
Чунон чун расидаш зи бадхоҳ ҷуфт.[5]

Бубахшуд Пирони Виса бад-ӯй,
Фурӯ рехт об аз ду дида ба рӯй.

Бифармуд, то як замонаш ба дор
Накарданду гуфташ: «Ҳам эдар бидор!

Бад-он то бубинам яке рӯи шоҳ,
Намоям бад-ӯ ахтари нек роҳ».[6]

---

1. ИЛ-Гаршеваз.
2. И-К-аз эрониён.
3. М-Куҷо шоҳро бадтарин.
4. М-гуфто.
5. И-пас аз б. 363 ин б. омада:
   Ҳам аз кини Эрон ҳама ёд кард,
   Ки бар ҷони ӯ ҳам ба бедод кард.
6. Л-некхоҳ; Л-пас аз б. 366 ин б. омада:
   Зи фармони Пирон набудаш гузир,

www.sattor.com

Бизад аспу Пирони Виса бирафт,
Бари шоҳи Турон хиромид тафт.[1]

Ба кох - андарун шуд[2] парасторваш,
Бари шоҳ-бар даст[3] карда ба каш.

Пиёда давон то ба наздики тахт,
Бар Афросиёб офарин кард сахт.

Ҳаме буд дар[4] пеши тахташ[5] ба пой
Чу[6] дастури покизаи раҳнамой.

Сипаҳдор[*7] донист, к-аз орзуй
Ба пой аст Пирони озодахӯй.

Бихандиду гуфташ: «Чӣ хоҳӣ, бигӯй
Туро бештар назди ман обрӯй.

Агар зар ту хоҳиву гар гавҳаро
В-агар подшоҳиву гар лашкаро.

Надорам дареғ аз ту ман ганҷи хеш,
Чаро баргузинӣ ҳаме ранҷи хеш»?[8]

Ҳаме гуфт, к-эй паҳлавони хужир!
Бидорем ӯро ҳам эдар ба пой,
Магар бошадаш паҳлавон некрой.

1. И-б. 367 нест.
2. ЛМ-омад.
3. Л-бо дасти.
4. ИЛ-бар.
5. И-хусрав.
6. И-ба.
7. М-Ҷаҳондор.
8. И - Наорам зи ту ҳар чи хоҳӣ лареғ,
Зи динор в-аз ганҷу кӯполу теғ.

www.sattor.com

Чу бишнид Пирони хусравпараст,
Заминро бибӯсиду бар пой ҷаст,[1]

Ки ҷовид бодо туро тахту ҷой,
Наёбад ҷуз аз тахти ту бахт ҷой.

Зи шоҳони гетӣ ситоиш туроcт,
Зи хуршеди тобон ниёиш туроcт.

Маро ҳар чӣ бояд,[*2] ба бахти ту аст,
Зи аспону мардону нерӯи даст.

Маро орзу[3] аз паи хеш нест,
Кас аз кеҳтарони ту дарвеш нест.

Ман аз падшоҳит ободамо,
Бузургони фархунда бунёднамо.

Ҳаме ғам хӯрам, то ба ороми ман
Напечад касе, гум кунад номи ман.[4]

На[5] ман шоҳро пеш аз ин чанд бор,
Ҳаме додаме панд дар чанд кор?[6]

Ба гуфтори ман ҳеч н-омад фароз,
Бад-он доштам даст аз кор[*7] боз.

---

1. И - Чу бишнид Пирон, бибӯсид тахт,
Яке офарини нав орост сахт.
2. М-хоҳам.
3. ИМ-ин ниёз.
4. ТПЗ- Пас он гаҳ бигуфт: «Эй шаҳи шергир,
Яке панди нек аз ман андарпазир.
Ту ин Бежани номварро макуш,
Ки ҳастӣ яке шоҳи борою ҳуш,
Ки кини Сиёвахш тоза кунӣ,
Ба Турон дигар ҷангу кин афканӣ.
5. ИМ-Ки.
6. И-Ҳаме панд додам зи ҳар гуна кор.
7. М-Аз он корҳо доштам даст

www.sattor.com

Макуш гуфтамат пури Ковусро,
Ки душман кунӣ Рустаму Тусро.

Сиёвуш, ки ҳаст[1] аз нажоди каён,
Ба меҳри ту баста камар дар миён,[2]

К-аз Эрон ба пилон бикӯбандамон,
Зи ҳам бугсилонанд пайвандамон.[3]

Ба хира бикуштӣ Сиёвушро,
Ба заҳр андаромехтӣ нӯшро.

Фаромӯш кардӣ магар Гевро,
Сари паҳлавон[4] Рустами невро.

Надидӣ бадиҳои эрониён,
Ки карданд бо шаҳри туроииён?

Зи Турон ду баҳра ба пои сутур
Сипарданду шуд бахтро об шӯр.

Ҳанӯз он сари теғи Дастони Сом
Ҳамоно насудаст[5] андар ниём,

Ки Рустам ҳаме сар фишонад аз ӯй,
Ба хуршед-бар хун чаконад аз ӯй.

Бар ором-бар кина ҷӯӣ ҳаме,
Гули заҳр хира бибӯӣ ҳаме.

1. ИЛМ-буд.
2. И-Ба фармони ту танг баста миён.
3. ТПЗ - Басо кас, ки дар кина беҷон кунанд,
Басо кас, ки дар хок пинҳон кунанд.
Басо зан, ки бе шӯй гардад дижам,
Басо шермардон, ки гарданд кам.
4. И-Наҳанге дар он.
5. И-наёсуд.

www.sattor.com

Агар хуни Бежан бирезӣ, бад-ин
Ба Турон барояд яке гарди кин.[*1]

Хирадманд шоҳиву мо кеҳтаро,
Ту худ чашми[*2] дил боз кун, бингаро.

Нигаҳ кун, к-аз ин бад, ки густордиё,
Або шоҳи Эрон чӣ бар х(в)ардиё?

Ҳамоно ҳаме хостор оварӣ,
Дарахти балоро ба бор оварӣ.

Чу кина ду[3] гардад, надорем пой,
Аё подшоҳи[4] ҷаҳонкадхудой!

Беҳ аз ту надонад касе Гевро,
Наҳанги дижам Рустами невро.

Чу Гударзи Кашводи пӯлодчанг,
Ки ояд[*5] зи баҳри набера ба ҷанг».

Чу барзад бар он оташи тез об,
Чунин посухаш дод[*6] Афросиёб,

Ки «Бежан надонӣ, ки бо мо чӣ кард,
Ба Эрону Турон шудам рӯйзард.

Набинӣ, к-аз ин беҳунар духтарам,
Чӣ расвоӣ омад ба пиронсарам?

1. М-Яке гард хезад зи Туронзамин.
2. М-Ду чашми хирад.
3. И-кин тоза.
4. ИЛМ-паҳлавони.
5. М-Биёяд.
6. М-дод посух пас.

www.sattor.com

Ҳама номи пӯшидаруёни ман
Зи парда бигустард бар анҷуман,[1]

К-аз ин нанг то ҷовидон бар дарам
Бихандад ҳама кишвару лашкарам.

Гар[*2] ӯ ёбад аз ман раҳоӣ ба ҷон,
Зи ҳар сӯ кушоянд бар ман забон.

Ба расвоӣ - андар бимонему дард,
Биполоям аз дидагон оби зард».

Басе офарин кард Пирон бар ӯй,
Ки «Эй шоҳи[3] некахтари ростгӯй,

Чунин аст, чун[4] шоҳ гӯяд ҳаме,
Ҷуз аз номи некӯ[*5] наҷӯяд ҳаме.

Валекин бар ин[6] рои ҳушёри ман
Яке бингарад жарф солори ман.

Бубандем ӯро ба банди гарон,
Куҷо дору куштан гузинад бар он.

Аз ӯ панд гиранд эрониён,
Набанданд аз ин пас бадиро миён.

Ҳар он, к-ӯ ба зиндони ту баста монд,
Зи девонҳо номи ӯ кас нахонд».

1. И-Бараҳна шуд акнун бари анҷуман.
2. М-чу.
3. И-марди.
4. Л-куҷо; И-Чунон аст, к-он.
5. М-некномӣ.
6. Л-аз ин.

www.sattor.com

Чунон кард солор, к-ӯ рой дид,
Дилаш бо забон шоҳ яктой дид.

Зи дастури покизаи роҳбар
Дурахшон шавад шоҳро гоҳу фар.

БА ЗИНДОН АФКАНДАНИ АФРОСИЁБ БЕЖАНРО

Ба Гарсеваз[1] он гаҳ бифармуд шоҳ,
Ки банди гарон созу торик чоҳ.

Ду досташ ба занҷир[2] баркаш ба ғул -
Яке банди румӣ ба кирдори пул.

Бипайванд мисморҳои гарон,
Зи сар то ба пояш бубанд андар он.

Аз он пас[3]*[4] нагун андарафкан ба чоҳ,
Ки[5] бебаҳра гардад зи хуршеду моҳ.

Бубар пилу он санги Аквондев,
Ки аз жарфдарёи кайҳонхидев

Фикандаст бар бешаи Чинситон,
Биёвар, зи Бежан бад-он кин ситон.

Ба пилони гарданкаш[6] он сангро,
Ки пӯшад сари чоҳи Аржангро,

Биёвар сари чоҳ, ӯро бипӯш,
Бимон*[7] то ба зорӣ бараояд-ш ҳуш.

1. ИЛ-Гаршеваз.
2. Л-мисмор.
3. Л-Нахустин.
4. М-Пас он гаҳ.
5. Л-Чу.
6. Л-гардункаш.
7. Ҳамон.

www.sattor.com

В-аз он ҷо ба айвони он беҳунар,
Манижа, к-аз ӯ нанг дорад[*1] гуҳар.

Бирав, бо саворону тороҷ кун,
Нагунбахтро бесару тоҷ кун.

Бигӯ, эй банафрини шӯридабахт,
Ки бар ту назебад ҳаме тоҷу тахт.

Ба нанг аз каён паст кардӣ сарам,
Ба хок андарандохтӣ афсарам.[2]

Бараҳна кашонаш, бубар то ба чоҳ,
Ки дар чоҳ бин, он ки дидӣ ба гоҳ.

Баҳораш туӣ, ғамгусораш ту бош,[3]
Дар ин тангзиндон завораш ту бош».[4]

Хиромид Гарсеваз[5] аз пеши ӯй,
Бикарданд коми бадандеши ӯй.[6]

Кашон Бежани Гев аз пеши дор
Бибурданд баста бад-он чоҳсор.

Зи сар то ба пояш ба оҳан бубаст,
Ба румӣ миёну ба занҷир даст.

---

1. – бинад.
2. ЛМ-гавҳарам.
3. Л-туӣ.
4. Л-туӣ.
   ТПЗ- Бубар зуду ӯро ба Бежан супор,
   Бимон то бимиранд ҳар ду ба зор.
   Маро чашм агар тира гаштӣ ба ҷанг,
   Беҳ астӣ зи дидори ин рӯзи нанг.
5. Л-Гаршеваз.
6. Л-пас аз б. 430 ин б. омада:
   Биёвард санг, он чӣ фармуд шоҳ
   Ба пилони гардункашон то ба чоҳ

www.sattor.com

Ба пӯлоду хоиски оҳангарон
Фурӯ бурда мисморҳои гарон.

Нагунаш ба ҷоҳ андарандохтанд,
Сари чоҳро санг барсохтанд.

В-аз он ҷо ба айвони он духтараш
Биёвард Гарсеваз[1] он лашкараш.[2]

Ҳама ганҷи ӯро ба тороҷ дод,
Аз ин бадра бистад, бад-он тоҷ дод.

Манижа биёмад ба як чодаро,
Бараҳна ду пову кушода саро.

Кашидаш давон то бад-он чоҳсор,[3]
Ду дида пур аз хуну рух чун баҳор.[*4]

Бад-ӯ гуфт: «Инак туро хону мон,
Заворӣ бар ин баста то ҷовидон».

Чу Гарсеваз аз чоҳи ӯ боз гашт,
Манижа або дард анбоз гашт.[*5]

Ғиревон ҳаме гашт бар гирди дашт,
Чу як рӯзу як шаб бар ӯ баргузашт,

Биёмад хурӯшон ба наздики чоҳ,
Яке дастро андар ӯ кард роҳ.[6]

---

1. Л-Гаршеваз.
2. ТПЗЛ - Хабар чун ба гӯши Манижа расид,
   Шуд аз оби дида рухаш нопадид.
3. Л-Кашидандаш аз пеш то чоҳсор.
4. М-Дил аз дард пурхуну рух ҷӯйбор.
5. М- Ба дарди дил андар Манижа бимонд,
   Зи дил бар ду рух қатраи хун фишонд.
6. И-б. 417-422 нест.

www.sattor.com

Чу аз кӯҳ хуршед сар барзадӣ,
Манижа зи ҳар дар ҳаме нон чидӣ.

Ҳаме гирд кардӣ ба рӯзи дароз,
Ба сӯрохи чоҳ оваридӣ фароз.

Ба Бежан супурдиву бигристӣ,
Бад-ин шӯрбахтӣ ҳаме зистӣ.[1]

БОЗРАФТАНИ ГУРГИН БА ЭРОНЗАМИН ВА ДУРӮҒ ГУФТАН ДАР КОРИ БЕЖАН

Чу як ҳафта Гургин бар он ҷо[*2] ба пой
Ҳаме буду Бежан наёмад ба ҷой,

Зи ҳар сӯш пӯён бичустан гирифт,
Рухонро ба хуноб шустан гирифт.

Пушаймонӣ омад-ш аз он кори хеш,
Ки чун бад сиголид бо[3] ёри хеш.

Бишуд тозиён то бад-он ҷойгоҳ,
Куҷо Бежани Гев гум кард роҳ.[*4]

Ҳама беша баргашту касро надид,
На низ андар он бонги мурғон шунид.

Ҳаме гашт бар гирди он марғзор,
Ҳаме кард ёр андар ӯ хостор.

Якояк зи дур аспи Бежан бидид,[5]
Ки омад аз он ҷӯйборон падид.

1. ТПЗМ - Шабу рӯз бо нолаву оҳ буд,
Ҳамеша нигаҳбони он чоҳ буд.
2. М-ба раҳ бар.
3. Л-бар.
4. М-б. 449 нест.
5. Л-Яке наъра аз аспи Бежан шунид.

www.sattor.com

Гусиста лагому нагунсор зин,
Фурӯ бурда лафчу бароварда кин.

Бидонист, к-ӯро табоҳ аст кор,
Ба Эрон наёяд бад-ин рӯзгор.

Агар дор дорад в-агар чоҳу банд,
Зи Афросиёб омадасташ газанд.

Каманд андар афканду баргошт рӯй,
Зи карда пушаймондилу чорачӯй.[1]

Аз он марғзор аспи Бежан биронд,
Ба хайма дароварду рӯзе бимонд.[*2]

В-аз он ҷо сӯи шаҳри Эрон шитофт,
Шабу рӯз орому хуфтан наёфт.[3*3]

Чу огоҳӣ омад зи Гургин ба шоҳ,
Ки Бежан набудаст бо ӯ ба роҳ.

Нагуфт ин сухан Гевро шаҳрёр,
Бад-он то зи Гургин кунад хостор.

Пас огоҳӣ омад ҳамон гаҳ ба Гев,
Зи гум будани размзан[*4] пури нев.

---

1. Л-чуфтчӯй.
   ЗТПМ – Чу бар буданӣ роҳи будан наёфт,
   Шабу рӯз орому хӯрдан наёфт.
   Ҳаме гуфт чун биспарам роҳро?
   Чи гӯям, чу бинам рухи шоҳро.
2. М-пушаймону дил чуфтчӯй.
3. М-Пас аз б. 557 ин б. омада:
   Ба Эронзамин андаровард рӯй,
   Ҳаме кард бо хештан гуфтугӯй.
4. М-Бежан он.

www.sattor.com

Зи хона биёмад дамон то ба кӯй,
Дил аз дард хаста, пур аз об рӯй.

Ҳаме гуфт Бежан наёяд ҳаме,
Ба Ирмон надонам чӣ пояд ҳаме.

Бифармуд, то бӯри Кашводро,
Куҷо доштӣ рӯз фарёдро,

Бар ӯ барниҳоданд зини хаданг,[*1]
Гирифта ба дил Гев кини наҳанг.

Ҳамон гаҳ бад-ӯ андаровард пой,
Ба кирдори бод андаромад зи ҷой.

Пазира шудаш, то кунад хостор,
Ки Бежан куҷо монду чун буд кор.

Ба дил гуфт[2] Гургин бад-ӯ[*3] ногаҳон
Ҳамоно бадӣ сохт андар ниҳон.

Шавам гар набинам рухи Бежанам,
Ҳамон гаҳ сарашро зи тан барканам.

Биёмад чу Гургин, мар ӯро бидид,
Пиёда шуду пешаш андардавид.

Ҳаме гашт ғалтон ба хок-андаро,
Шахуда рухону бараҳна саро.

Бипурсиду гуфт: Эй гузини сипоҳ,
Сипаҳдори Эрону солори шоҳ![4]

1. М-паланг.
2. ИЛ-Ҳаме гуфт.
3. М-магар.
4. И-Нигаҳдори паҳлав, сипаҳдори шоҳ.

www.sattor.com

Пазира бад-ин роҳ чун омадӣ,
Ки бо дидагон пур зи хун омадӣ?

Маро ҷони ширин набояд ҳаме,
Кунун хортар гар барояд ҳаме.

Ду чашмам ба рӯи ту омад, зи шарм
Биполоям аз дидагон хуни[1] гарм.

Кунун ҳеч м-андеш,[2] к-ӯро ба ҷон
Наёмад газанду бигӯям нишон».

Чу аспи писар дид Гургин ба даст,
Пур аз хоку осема бар сони маст.

Чу гуфтори Гургинаш омад ба гӯш,
Аз асп андарафтоду з-ӯ рафт ҳуш.

Ба хок-андарун шуд сараш нопадид,
Ҳама ҷомаи паҳлавӣ бардарид.

Ҳаме канд мӯй аз сару рӯй пок,
Хурӯшон ба сар-бар ҳаме рехт хок.

Ҳаме гуфт: «Аё кирдгори сипеҳр,
Ту густардӣ андар дилам ҳушу меҳр.

Чу аз ман ҷудо монд[3] фарзанди ман,
Раво дорам, ар бугсилӣ[4] банди ман.

1. Л-оби; ИМ-Ҳаме рӯй шӯям ба хуноби.
2. И-ту маяндеш.
3. И-гашт.
4. И-бугсилад.

www.sattor.com

Равонам бар он ҷои некон барӣ,
Зи дарди дили ман ту огаҳтарӣ.[1]

Маро худ зи гетӣ ҳамӣ буду[2] бас,
Чӣ андуҳгусору чӣ фарёдрас.

Кунун бахти бад кардаш аз ман ҷудо,
Чунин мондаам дар дами аждаҳо».

Зи Гургин пас[3] он гаҳ сухан бозҷуст,
Ки «Чун буд худ рӯзгор аз[4] нахуст?

Замона ба ҷояш касе[5] баргузид
Ва ё худ зи чашми ту[*6] шуд нопадид?

Зи бадҳо бад ӯ-бар чӣ омад, бигӯй,
Ки афканд банди сипеҳрӣ бад-ӯй?

Чӣ дев омадаш пеш дар марғзор,
Ки ӯро табаҳ карду баргашт кор?

Ту ин аспи бемард чун ёфтӣ?
Зи Бежан куҷо рӯй бартофтӣ?»

Бад-ӯ гуфт Гургин, ки «Боз ор ҳуш,
Сухан бишнаву паҳн букшой гӯш,

Ки ин кор чун буду кирдор чун,
Дар он беша бо хук пайкор чун.

---

1. ИМ-пас аз б. 483 ин б. омада:
   Ба гетӣ маро худ яке пур буд,
   Ҳама (м) пуру ҳам нек дастур буд.
2. Л-ҳамин; И-аз ин номдорон ҳам ӯ буд.
3. И-ҳам.
4. ИЛ-рӯзгори.
5. Л-хокаш ҳаме.
6. М-Яке.

www.sattor.com

Бидон, паҳлавонову огоҳ бош,
Ҳамеша фурӯзандаи гоҳ бош.

Бирафтем аз эдар ба ҷанги[1] гуроз,
Расидем наздики Ирмон фароз.

Яке беша дидем, карда чу даст,
Дарахтон бурида, чарогоҳ паст.

Ҳама ҷой гашта куноми гуроз,
Ҳама шаҳр монда аз ӯ дар гудоз.[2]

Чу дар ҷанг[3] найза барафроштем,[4]
Ба беша-дарун наъра[5] бардоштем.

Гуроз андаромад ба кирдори кӯҳ,
На як-як, ки ҳар ҷой гашта гурӯҳ.

Бикардем ҷанге ба кирдори шер,
Бишуд рӯзу н-омад дил аз ҷанг сер.

Чу пилон ба ҳам барфикандемашон,
Ба мисмор дандон бикандемашон.

В-аз он ҷо ба Эрон ниҳодем рӯй,
Ҳама роҳ шодону нахчирҷӯй.

Баромад яке гӯр аз он марғзор,
К-аз он хубтар кас набинад нигор.

Ба кирдори гулгуни Гударз мӯй,
Чу хинги шабоҳанги Фарҳод рӯй.

---

1. И-захми.
2. Л-ниёз.
3. И-мо ҷангӣ.
4. И-баргоштем.
5. И-бонг.

www.sattor.com

Чу симурғ болу чу пӯлод сум,[1]
Чу шабранги Бежан сару гӯшу дум.[2]

Ба гардан чу шеру ба рафтан чу бод,
Ту гуфтӣ, ки аз Рахш дорад нажод.[3]

Бари Бежан омад чу пиле баланд,
Бар сар-ш андарафканд Бежан каманд.

Фикандан ҳамон буду бурдан ҳамон,
Давон гӯру Бежан пас - андар дамон.

Зи тозидани гӯру гарди савор
Баромад ҳаме дуд аз он марғзор.

Ба кирдори дарё замин бардамид,
Камандафкану гӯр шуд нопадид.

Пай - андар[4] гирифтам ҳама дашту кӯҳ,
Ки аз тохтан шуд самандам сутӯҳ.

Зи Бежан надидам ба гетӣ нишон,
Ҷуз ин асту зин аз пас – андар кашон.

Дилам шуд пуроташ зи тимори ӯй,
Ки чун буд бо гӯр пайкори ӯй.

---

1. И-ёлу чу товус дум.
2. И-Ба сони гавазнон сару гӯшу сум.
3. ТПЗИ - Ту гуфтӣ нигор аст андар баҳор,
Баҳоре надидам чун ӯ пурнигор.
Чу Бежан бидид он нигорида гӯр,
Ба дил-ш - андар афтод аз он гӯр шӯр.
Барангехт аз ҷой шабрангро,
Ҳаме паст кардӣ сумаш сангро.
Чу Бежан ба наздики он гӯр шуд,
Ту гуфтӣ ба тобандагӣ ҳур шуд.
4. И-Паи вай.

www.sattor.com

Бимондам фаровон дар он марғзор,
Ҳаме кардамаш ҳар сӯе хостор.

Аз он боз гаштам чунин ноумед,
Ки гӯри жиён буд Деви Сапед».

Чу бишнид Гев ин сухан ҳушёр,
Бидонист, к-ӯро табоҳ аст кор.

Зи Гургин сухан сар ба сар хира дид,
Ҳаме[*1] чашмаш аз рӯи ӯ[2] тира дид.

Рухаш зард гашта ҳам аз бими шоҳ,
Танаш ларз-ларзону дил пургуноҳ.

Чу фарзандро Гев гумбуда ёфт,[3]
Суханро бад-он гуна олуда ёфт.[4]

Бибурд Аҳриман Гевро дил зи роҳ,[*5]
Ки гардонад ӯро ба раҳ-бар табоҳ.[*6]

Бихоҳад аз ӯ кини пури гузин,
В-агарчанд нанг ояд ӯро аз ин.

Пас андеша кард, андар он бингарид,
Наёмад ҳаме равшаноӣ падид.

Чӣ бошад маро, - гуфт, – аз ин куштано,
Магар коми бадгавҳар Аҳримано?

1. М-Ҳама.
2. И-Рахашро бар он гуна-бар.
3. Л-дид.
4. Л-дид.
5. М-зи ҷой.
6. М-он теғзан зери пой.

www.sattor.com

Ба Бежан чӣ суд ояд аз ҷони ӯй,
Дигаргуна созем дармони ӯй.

Аз ӯ кин кашидан басе кор нест,
Синони маро пеш девор нест.

Бибошем, то[1] ин сухан назди шоҳ
Шавад ошкоро зи Гургин гуноҳ.

Ба Гургин яке бонг барзад баланд,
Ки «Эй бадкуниш, римани пургазанд!

Ту бурдӣ зи раҳ меҳру моҳи маро,
Гузини саворону шоҳи маро.

Фикандӣ маро дар таку пӯяпӯй,
Ба гирди ҷаҳон - андарун чораҷӯй.

Пас акнун ба дастону банду фиреб-
Куҷо ёбам орому хобу шикеб?

Набошад туро пеш аз ин дастгоҳ,
Ки то ман бубинам яке рӯи шоҳ.

Пас он гаҳ ба ханҷар зи ту кини хеш-
Бихоҳам зи баҳри ҷаҳонбини хеш».

ОВАРДАНИ ГЕВ ГУРГИНРО БА НАЗДИ ХУСРАВ

В-аз он ҷо биёмад ба наздики шоҳ
Ду дида пур аз хуну дил кинахоҳ.

Бар ӯ офарин кард, к-«Эй шаҳрёр,
Ҳамеша ба шодӣ ҷаҳонро гузор.

1. Л-бо.

www.sattor.com

Анӯша ҷаҳондори некахтаро
Набинӣ, ки бар сар чӣ омад маро?

Зи гетӣ яке пур будам ҷавон,
Шабу рӯз будам бар ӯ-бар навон.[1]

Ба ҷонаш пур аз бим гирён будам,
Зи бими[2] ҷудоиш бирён будам.

Кунун омад, эй шоҳ, Гургин зи роҳ,
Забон пур аз ёва, равон пургуноҳ.

Бад огоҳӣ овард аз пури ман,
Аз он номвар пок дастури ман.

Яке асп дорад[3] нагунсор зин,
Зи Бежан надорад нишоне ҷуз ин.

Агар дод бинад бар ин кори мо,
Яке бингарад жарф солори мо.

Зи Гургин диҳад доди ман шаҳрёр,
К-аз ӯ гаштам андар ҷаҳон хоксор».[4]

Ғамӣ шуд зи дарди дили Гев шоҳ,
Барошуфту бинҳод бар сар[5] кулоҳ.

Рухи шоҳ бар гоҳ беранг шуд,
Зи тимори Бежан дилаш танг шуд.

Ба Гев он гаҳе гуфт: «Гургин чӣ гуфт?
Чӣ гӯяд, куҷо монд он некҷуфт?»

1. Л-шодмон.
2. И-ранҷи
3. ИЛ-дидам.
4. И-сӯгвор.
5. И-фаррух.

www.sattor.com

Зи гуфтори Гургин пас он гоҳ Гев
Сухан гуфт бо Хусрав аз пури нев.

Чу аз Гев бишнид Хусрав сухун,
Бад-ӯ гуфт: «М-андешу зорӣ макун,

Ки Бежан ба ҷой асту хурсанд бош,
Бар уммеди гумбуда фарзанд бош,

Ки акнун[1] шунидастам аз мӯбадон,
Зи бедордил, номвар бихрадон,

Ки ман бо саворони Эрон ба ҷанг
Сӯи шаҳри Турон шавам бедиранг.

Ба кини Сиёвуш кашам лашкаро,
Ба пилон сар орам ман он кишваро.[2]

Бар он кинагаҳ-бар бувад Бежано,
Ҳаме разм ҷӯяд чу Аҳримано.

Ту шав, дил бад-ин кор ғамгин мадор,
Ман ӯро ҳамоно басам хостор».

Бишуд Гев бо дил пурандӯҳу дард,
Ду дида пур аз обу[*3] рух лоҷвард.[4]

Чу Гургин ба даргоҳи Хусрав расид,
Зи гурдон дари шоҳ пардахта дид.

Зи тимори Бежан ҳама паҳлавон
Зи даргоҳ бо Гев рафта навон.

1. Л-эдун; И-эдар.
2. И-б. 550 нест.
3. М-хуну.
4. ИЛМ-рухсора зард.

www.sattor.com

Бирафт аз дари кох то пеши ӯй,
Пур аз шарм ҷони бадандеши ӯй.

Чу дар пеши Кайхусрав омад, замин
Бибӯсиду бар шоҳ кард офарин.

Чу алмос дандонҳои гуроз
Бари тахт бинҳоду бурдаш намоз,

Ки «Хусрав ба ҳар кор пирӯз бод,
Ҳама рӯзгораш чу Наврӯз бод.[1]

Сари душманони ту бодо ба гоз
Бурида чунон чун[2] сарони гуроз!»

Ба дандонҳошон[3] нигаҳ кард шоҳ,
Бипурсиду гуфташ, ки «Чун буд роҳ?

Куҷо монд аз ту ҷудо Бежано,
Бад-ӯ - бар чӣ бад сохт Аҳримано?»[4]

Чу Хусрав чунин гуфт, Гургин ба пой
Фурӯ монда хира, ҳам эдун ба ҷой.

Забон пур зи ёва, равон[5] пургуноҳ,
Рухаш зарду ларзон тан[6] аз бими шоҳ.

Сухан чанд баргуфт носозгор,
Аз он бешаву гӯру он марғзор.[7]

---

1. ТПМ - Ту эй шоҳ, то ҷовидон шод бош,
Зи тимору андӯҳ озод бош!
2. Л-к-он.
3. ИЛ- дандонҳо чун.
4. ТПМ- Чӣ афтод, к-аз ту бимонд ӯ ҷудо,
Ба мо рост гӯй, ар нахоҳӣ бало.
5. И-диле.
6. И-пур.
7. ИЛ-б. 565 нест.

www.sattor.com

Чу гуфторҳо як ба дигар намонд,
Барошуфту аз пеши тахташ биронд.

Ҳамаш хирасар диду ҳам бадгумон,
Ба дашном букшод Хусрав забон.

Бад-ӯ гуфт: «Нашнидӣ ин достон,
Ки дастон задаст аз гаҳи бостон?

Ки гар шер бо кини гударзиён
Бикӯшад, танашро сар ояд замон.

Агар нестӣ аз паи номи бад
Ва ё сӯи Яздон саранҷоми бад.

Бифармудаме, то саратро зи тан
Бикандӣ ба кирдори мурғ Аҳриман».

Бифармуд Хусрав ба пӯлодгар,
Ки банди гарон созу мисмор сар.

Ҳам андар замон пой кардаш ба банд,
Ки аз банд гирад бадандеш панд.

Ба Гев он гаҳе гуфт: «Боз ор ҳуш,
Биҷӯяш ба ҳар ҷову ҳар сӯ бикуш.

Ман акнун зи ҳар сӯ фаровон савор
Фиристам ҳама дархури корзор.

Зи Бежан магар огаҳӣ ёбамо,
Бад-ин кор ҳушёр биштобамо.[1]

В-агар дер ёбам аз ӯ огаҳӣ,
Ту ҷои хирадро магардон тиҳӣ.

1. Л-б. 576 нест.

www.sattor.com

Бимон, то биёяд маҳи фарвадин,
Ки бифрӯзад андар ҷаҳон ҳури ин.

Бад-он гаҳ ки аз гул шавад боғ шод,
Абар сар ҳаме гул фишонад-т бод.

Замин чодари сабз дарпӯшадо,
Ҳаво бар гулон зор бихрӯшадо.

Ба Ҳурмуз шавад пок фармони мо,
Парастиш, ки фармуд Яздони[*1] мо.

Бихоҳам ман он ҷоми гетинамой,
Шавам пеши Яздон, бибошам ба пой.

Куҷо ҳафт кишвар бад-ӯ андаро,
Бубинам бару буму ҳар кишваро.

Кунам офарин бар ниёкони мо[*2]
Гузида ҷаҳондору некони[3] мо.[*4]

Бигӯям туро, ҳар куҷо Бежан аст,
Ба ҷом ин сухан мар[*5] маро равшан аст».

Чу бишнид Гев ин сухан, шод шуд,
Зи тимори фарзанд[6] озод шуд.

Бихандиду бар шоҳ кард офарин,
Ки «Бе ту мабодо замону замин![7]

---

1. М-Ниёиш барафрӯзад ин.
2. М-хеш.
3. ИЛ-покони.
4. М-бузургону покони хеш.
5. М-андарун ин.
6. И-Бежан дил.
7. Л-кулоҳу нигин.

www.sattor.com

Ба коми ту бодо сипеҳри баланд,
Зи чашми бадонат мабодо газанд!»[1]

Чу Гев аз бари[2] гоҳи Хусрав бирафт,
Ба ҳар сӯ саворон фиристоду тафт

Бичусташ фаровон ба гирди ҷаҳон,
Ки ёбад магар з-ӯ ба ҷое нишон.

Ҳама шаҳри Эрону Турон ба пой
Сипарданду н-омад нишонаш ба ҷой.[3]

ДИДАНИ КАЙХУСРАВ БЕЖАНРО ДАР ҶОМИ ГЕТИНАМОЙ

Чу Наврӯзи хуррам фароз омадаш,
Бад-он ҷоми фаррух ниёз омадаш.

Биёмад пуруммеди дил паҳлавон,
Зи баҳри[4] писар кӯж[5] гашта навон.

Чу Хусрав рухи Гев пажмурда дид,
Дилашро ба дард - андар озурда дид,[6]

Биёмад, бипӯшид румиқабой,
Бад-он то бувад пеши Яздон ба пой.

1. ТПЗИЛ - Зи некидиҳиш бар ту бод офарин,
Ки аз ту фарозад кулоҳу нигин.
Ба коми ту бодо ҳама кори ту,
Худованди гетӣ нигаҳдори ту*.
* Х-б. дувум танҳо дар «Л» мавҷуд аст.
2. И-дари.
3. Л-б. 591 нест.
4. И-ранҷи.
5. ИЛ-Гев.
6. ТПЗИ - Бибахшуд мар Гевро шаҳрёр,
Бихоҳид он ҷоми гавҳарнигор.

www.sattor.com

Хурӯшид пеши ҷаҳонофарин,
Ба рахшанда - бар чанд кард офарин.

Зи фарёдрас зӯру фарёд хост,
В-аз Аҳримани бадкуниш дод хост.

Хиромон аз он ҷо биёмад ба гоҳ,
Ба сар барниҳод он каёнӣ[1] кулоҳ.

Пас он[2] ҷом бар каф ниҳоду бидид,[3]
Дар ӯ ҳафт кишвар ҳаме бингарид.[4]

Зи кору нишони сипеҳри баланд
Ҳама кард пайдо чиву чуну чанд.

Зи моҳӣ ба ҷом - андарун то бара
Нигорида пайкар бад-ӯ[5] яксара.

Чи кайвон, чи ҳурмуз, чи баҳрому шер,
Чи меҳру чи моҳу чи ноҳиду тир,

Ҳама буданиҳо бад-ӯ андаро
Бидидӣ ҷаҳондори афсунгаро.[6]

Ба ҳар ҳафт кишвар ҳаме бингарид,
Ки ояд зи Бежан нишоне[7] падид.

Сӯи кишвари Гургсорон расид,
Ба фармони Яздон мар ӯро бидид.

1. Л-хуҷаста; И-Барниҳода хуҷаста.
2. Л-Яке.
3. Л-ниҳода набуд.
4. ИЛ-Бад-ӯ андарун ҳафт кишвар бидид.
5. Л-ҳама.
6. Л-пас аз б. 603 ин б. омада:

   Нигаҳ кард, пас ҷом бинҳод пеш,
   Бидид андар ӯ буданӣ камму беш.
7. Л-Нишонаш зи гумбуда н-омад.

www.sattor.com

Бад-он чоҳ баста ба банди гарон,
Зи сахтӣ ҳаме марг ҷуст андар он.

Яке духтаре аз нажоди каён
Зи баҳри завориш баста миён.

Сӯи Гев кард он гаҳе рӯй шоҳ,
Бихандиду рахшанда шуд пешгоҳ,

Ки «Зинда-ст Бежан, ту дил шод дор,
Зи ҳар бад тани меҳтар озод дор.

Магар ғам надорӣ ба зиндону банд,
Аз он пас, ки бар ҷон-ш н-омад газанд,

Ки Бежан ба Турон ба банд-андар аст,
Завораш яке номвар духтар аст.

Зи бас ранҷу сахтиву тимори ӯй
Пур аз дард гаштам ман аз кори ӯй.

Бар он сон гузорад ҳаме рӯзгор,
Ки ҳар ду[1] бигиряд чу абри баҳор.[2]

Зи пайванду хешон шуда ноумед,
Гудозону ларзон чу як шохи бед.

Ду чашмаш пур аз хуну дил пур зи дард,
Забонаш зи хешон*[3] пур аз ёдкард.

Чу абри баҳорон ба борандагӣ
Ҳаме марг ҷӯяд бар-он зиндагӣ.

1. Л-ҳар дам.
2. И-Ки ҳазмон бар ӯ бар бигиряд ба зор.
3. М-Хусрав.

www.sattor.com

Бар ин чора акнун кӣ ҷунбад зи ҷой,
Кӣ хезад миёнбаста инро ба пой?

Кӣ хоҳад шудан дар дами аждаҳо,
Кӣ орад мар ӯро зи сахтӣ раҳо?

Нашояд магар[*1] Рустами тезчанг,
Ки аз жарфдарё барорад наҳанг.

Камар банду баркаш сӯи Нимрӯз,
Шаб аз рафтани раҳ маёсою рӯз.

Бубар номаи ман бари Рустамо,
Мазан достонро ба раҳ-бар дамо.

Бихонам в-аз ин кораш огаҳ кунам,
Ғамон бар ту, эй Гев кӯтаҳ кунам.[2]

НОМА НАВИШТАНИ ХУСРАВ БА РУСТАМ

Нависандаи номаро пеш хонд,
Аз ин достон чанд бо ӯ биронд.

Ба Рустам яке нома фармуд шоҳ
Навиштан зи меҳтар сӯи некхоҳ,

Ки «Эй паҳлавонзодаи пурҳунар,
Зи гурдони кайҳон бароварда сар,

Туӣ аз ниёкон маро[3] ёдгор,
Ҳамеша камарбастаи корзор.[4]

1. М-Ҷуз.
2. ИЛ-б. 622 нест.
3. И-ниёгони ман.
4. И-Ба разм андарун номдор; Л-б. 626 нест.

www.sattor.com

Дили шаҳрёрону пушти каён,
Ба фарёди ҳар кас камар бар миён.

Туро дод гардан ба мардӣ паланг,
Ба дарё хурӯшон зи бимат наҳанг.

Ҷаҳонро зи девони Мозандарон
Бишустиву кандӣ бадонро сарон.

Чӣ моя сари тоҷдорон зи гоҳ
Рабудиву баркандӣ аз пешгоҳ.

Басо душмано к-аз ту беҷон шуда,[1]*[2]
Басо буму бар, к-аз ту вайрон шуда.[3]*[4]

Сари паҳлавонони лашкарпаноҳ
Ба наздики шоҳон туро дастгоҳ.

Ҳама ҷодувонро шикастӣ[5] ба гурз,
Бияфрӯхтӣ тоҷи шоҳон ба бурз.

Чи Афросиёбу чи хоқони[6] Чин
Набишта ҳама номи ту бар нигин.

Ҳар он банд, к-аз дасти ту баста шуд,
Кушояндагонро ҷигар хаста шуд.

Кушояндаи банди баста туӣ,
Каёнро сипеҳри хуҷаста туӣ.[7]

1. ИЛ-шудаст.
2. М-шудаст.
3. ИЛ-шудаст.
4. М-шудаст.
5. Л-бикуштӣ.
6. ИЛ-шоҳони.
7. И-б. 636 нест.

www.sattor.com

Туро Эзад ин зӯри пилон ки дод,
Бару бозуву чангу[*1] фаррух нажод,

Бад-он дод,[*2] то дасти фарёдхоҳ
Бигирӣ, барорӣ зи торик чоҳ.

Кунун ин яке кори шоиста пеш
Фароз омадаст ин ба шоиста хеш.[*1]

Чунин кор н-омад ба гударзиён[3]
Аз он девчеҳрони[4] туронийён.[5]

Ба ту дорад уммед Гударзу Гев,
Ки ҳастӣ ба ҳар кишвар имрӯз нев.

1. М-Дили шеру фарҳангу.
2. М-омаду ҳаст аз андеша беш.
3. И-яке кор омад ба эрониён.
4. ИМ-гургчеҳрони.
5. Л-б. 640 нест

ТПЗ - Аз Ирмониён омада додхоҳ,
Ки аз хук шуд беша яксар табоҳ.
Ҳама гуфтаҳоро аз ин бозгуфт,
Намуда бад-он ҷо, ки Бежан нухуфт.
Биёяд дар ин кор озурда Гев,
Бипӯяд ҳаме аз паи пури нев.
Ту худ донӣ, эй меҳтари шермард,
Ки Геви сипаҳбад ба мардӣ чӣ кард.
Ба ҷанги Пашан ҳам ба Мозандарон
Чӣ кард он диловар ба гурзи гарон.
Бузург асту гурд асту домоди ту,
Бад ӯ шод гашта дили роди ту.
Дили Гев ҳаргиз бад-ин сон набуд,
Зи Бежан басе дарду ранҷ озмуд.
Ҳама Исфаҳон то ба Ҳамдону Рай
Ҳама ҷомачоканду бар хок пай.
Дилу ҷони ман низ шуд мустаманд
Аз он номвар паҳлави девбанд.

www.sattor.com

Шиносӣ ба наздики ман ҷоҳашон,[1]
Забону дилу рои огоҳашон.[2]

Сазад, гар ту онро надорӣ ба ранҷ,
Бихоҳ, он чи бояд[*3] зи мардону ганҷ,

Ки ҳаргиз бад-ин дудмон ғам набуд,
Фурӯзандатар з-ин ҷаҳон кам шунуд.

Набуд Гевро худ ҷуз ӯ пур кас,
Ки фарзанд будаш чу фарёдрас.

Фаровон ба назди манаш дастгоҳ,
Марову ниёи[4] маро некхоҳ.

Ба ҳар сӯ, ки ҷӯям-ш, ёбам ба ҷой,
Ба ҳар неку бад пеши ман буд ба пой.[5]

Чу ин номаи ман бихонӣ, мапой,
Сабук бошу бо Гев хез, эдар[*6] ой.

Бад-он, то бад-ин кор бо мо ба ҳам
Занӣ рои фаррух ба ҳар бешу кам.[7]

Зи мардону аз ганҷу аз хоста
Биёрем пеши ту ороста.

---

1. Л-ҷояшон.
2. Л-яктояшон.
3. М-хоҳӣ.
4. Л-табори.
5. И-раҳнамой
   ТПЗМ - Шиносӣ ту кирдори гударзиён
   Ба осониву ранҷу суду зиён.
6. М-хезу назди ман.
7. Л - Бад-он то бад-ин кор мо чун кунем,
   Ки ин хор аз пой берун кунем.
   Або мо ҳам эдун нишинӣ ба ҳам,
   Занӣ рои фаррух ба ҳар бешу кам.

www.sattor.com

Ба фаррухпаӣ бар шуда номи ту,
Зи Турон баромад ҳама коми ту.

Чунон чун бибояд, бисозӣ наво,
Магар Бежан аз банд гардад раҳо».

БУРДАНИ ГЕВ НОМАИ КАЙХУСРАВ БА НАЗДИ РУСТАМ

Чу бар нома бинҳод Хусрав нигин,
Ситад Геву бар шоҳ кард офарин.

В-аз он ҷо биёмад, сӯи хона рафт,
Раҳи Систонро бисечид тафт.

Саворони дуда ҳама барнишонд,
Ба Яздон паноҳиду номаш бихонд.

Биёбон гирифту раҳи Ҳирманд,
Ҳаме рафт пӯён ба сони наванд.

Чу нахчир аз он ҷо, ки бар доштӣ,
Дурӯза ба як рӯз бугзоштӣ.

Ба кӯҳу ба саҳро ниҳоданд рӯй,
Ҳаме шуд халидадилу роҳҷӯй.[1]

Чу аз дидагаҳ дидабонаш бидид,
Сӯи Зобулистон фиғон баркашид,

Ки омад саворе сӯи Ҳирманд,
Саворон ба гирд-андараш низ чанд.

1. Л-пас аз б. 658 ин б. омада:
Чу наздикии Зобулистон расид,
Зи хоки сияҳ бар гулистон расид.

www.sattor.com

Дурафши дурафшон паси пушти ӯй,
Яке кобулӣ теғ[*1] дар мушти ӯй.

Ғави дида бишнид Дастони Сом,
Бифармуд бар чарма кардан лагом.

Бизад аспу омад пазира ба роҳ,
Бад-он то набошад магар[2*3] кинахоҳ.

Ба роҳ Гевро дид пажмурдарӯй,
Ҳаме омад осемаву пӯяпӯй.

Ба дил гуфт кори нав омад ба шоҳ,
Ки Гев аст аз Эрон фириста ба роҳ.

Чу наздик шуд паҳлавону[4] сипоҳ,
Ниёишкунон баргирифтанд роҳ.

Бипурсид Дастон аз эрониён,
Зи шоҳу бузургону[*5] турониён.[6]

Дуруди бузургон ба Дастон бидод
Зи шоҳу далерони[*7] фаррухнажод.

Ҳама дарди дил пеши Дастон бихонд,
Ғами пури гумбуда бо ӯ биронд.

---

1. М-паҳлавӣ теғ.
2. ИЛ-касе.
3. М-касе.
4. ИЛ-паҳлавони.
5. М-зи пайкори.
6. И-пас аз б. 667 ин б. омада:
   Забон баркушод он замон паҳлавон,
   Ҳаме гуфт чизе, ки будӣ ниҳон.
7. М-зи гурдони.

www.sattor.com

Ҳаме гуфт: «Рӯям набинӣ ба ранг,
Зи хуни мижа пушти поям паланг».[1]

В-аз он пас нишони Таҳамтан бихост,
Бипурсиду гуфташ, ки «Рустам куҷост?»

Бад-ӯ гуфт: «Рустам зи*[2] нахчири гӯр
Дамодам биёяд, ки баррафт ҳур».

«Шавам, - гуфт, - то ман бубинам-ш рӯй,
Зи Хусрав яке нома дорам бад-ӯй».[3]

Чунин гуфт[4] Дастон, к-«Аз эдар марав,
Ки зуд ояд аз дашти нахчир гав.

Ту то Рустам ояд, ба хона бипой,
Як имрӯз бо мо ба шодӣ гирой».

Бирафтанд ҳарду ба айвони Зол,
Гирифтанд ҳарду суханро сигол.[5]

Чу Гев андаромад ба айвон зи роҳ,
Таҳамтан биёмад зи нахчиргоҳ.

Пазира шудаш Гев, к-омад фароз,
Пиёда шуд аз аспу*[6] бурдаш намоз.

Пур аз орзу дил, пур аз об рӯй,
Зи дида ниҳода ба рух-бар ду ҷӯй.

---

1. ТПЗ- Чу бишнид Дастон, пур аз дард гашт,
Хурӯшиду рухсори ӯ зард гашт.
2. М-ба.
3. И-б. 669-673 нест.
4. И-Бифармуд.
5. И-б. 676 нест.
6. М-Фуруд омаду.

www.sattor.com

Чу Рустам дили Гевро хаста дид,
Ба оби мижа рӯи ӯ шуста дид.

Ба дил гуфт, боре табоҳ аст кор
Ба Эрону бар шоҳи беҳрӯзгор.*[1]

Зи асп андаромад, гирифташ ба бар,
Бипурсидаш аз Хусрави тоҷвар,

Зи Гударзу аз Тусу аз Густаҳам,
Зи гурдони лашкар ҳама бешу кам,

Зи Шопуру Руҳҳом в-аз Бежано,
Зи Фарҳоду Гургину аз ҳар тано.

Чу овози*[2] Бежан расидаш ба гӯш,
Баромад ба ноком[3] аз ӯ як хурӯш.

Ба Рустам чунин гуфт, к-«Эй б-офарин,
Гузини ҳама меҳтарони замин!

Кунун шод гаштам ба дидори ту,
Бар ин пурсиши гарму гуфтори[4] ту.[5]

Дурустанд, аз ин ҳар кӣ бурдӣ ту ном
В-аз эшон дуруду салому*[6] паём.

Ба ҷуз Бежан, эй гурди гарданкашон,
Ки аз банду аз чаҳ диҳандаш нишон.[7]

---

1. М-шоҳу бар рӯзгор.
2. М-он номи.
3. И-ногоҳ.
4. Л-пурҳунар ҷони бедори.
5. ТПЗ - Ки беҷоншуда боз ёбад равон
   Ва ё пирсар мард гардад ҷавон.
6. М-бари ту.
7. ИМ-688, 689 нест; Л-б. 689 нест.

www.sattor.com

Набинӣ, ки бар ман ба пиронсаро
Чӣ омад зи бахти бад андарх[в]аро.[1]

Ба гетӣ маро худ яке пур буд,
Ки ҳам пуру ҳам пок дастур буд.

Шуд аз чашми ман дар ҷаҳон нопадид,
Бад-ин дудмон кас чунон ғам надид.

Чунинам, ки бинӣ ба пушти сутур
Шабу рӯз тозон чу тобанда ҳур.

Зи Бежан шабу рӯз чун беҳушон
Ба гетӣ биҷустам зи ҳар кас нишон.

Кунун шоҳ дар ҷоми гетинамой
Ба пеши ҷаҳонофарин шуд ба пой.

Чӣ моя хурӯшиду кард офарин
Ба ҷашни каён ҳурмузи фарвадин.[2]

Пас омад зи оташкада сӯи гоҳ,[3]
Камар басту[4] бинҳод бар сар кулоҳ.

Ҳамон ҷоми рахшанда бинҳод пеш,
Ба ҳар сӯ нигаҳ кард аз андоза беш.

Ба Турон нишон дод аз ӯ шаҳрёр
Ба банди гарону ба бадрӯзгор.

---

1. ТПЗИЛ - Чӣ чашми бад омад ба гударзиён,
   К-аз он суд бар мо чи* омад** зиён?
   * Л-ин суд ҷустан сар. ** И-судҳо моя дорам.
2. И-б. 689-696 нест.
3. И-В-аз он пас биёмад бари тахтгоҳ.
4. И-баста.

www.sattor.com

Чу дар ҷоми Кайхусрав эдун намуд,
Сӯи паҳлавонам давонид[1] зуд.

Кунун омадам бо дили пурумед,
Ду рухсора зарду ду дида сапед.

Туро дидам андар ҷаҳон чорагар,
Ту бандӣ ба фарёди ҳар кас камар».

Ҳаме гуфту мижгон пур аз оби зард,
Ҳаме баркашид аз ҷигар боди сард.

В-аз он пас, ки нома ба Рустам бидод,
Ҳама кори Гургин бад-ӯ кард ёд.[2]

Пас аз баҳри Бежан хурӯшид зор,
Фурӯ рехт аз дида хун[3] бар канор,

Ки хешон буданд аз гаҳи[4] дер боз,
Зани Гев буд духтари сарфароз.

Ҳамон пилтан хоҳари Гев дошт,
Фаромарзи ял з-он зани нев дошт.[5]

Ҳамон Бежан аз духтари пилтан,
Гаве буд сарафроз дар анҷуман.[6]

Ба Гев он гаҳе гуфт: «Мандеш з-ин,
Ки Рустам нагардонад аз Рахш зин.

---

1. Л-фиристод.
2. ИЛ-б. 704 нест.
   ТПЗИЛМ- Аз ӯ нома бистуд ду дида пур об,
   Ҳама дил пур аз кини Афросиёб.
3. И-хуни ҷигар.
4. Л-хешони эшон буд аз.
5. Л-б 707 нест.
6. И-б. 703-708 нест.

www.sattor.com

Магар дасти Бежан гирифта ба даст,
Ҳама банду зиндони ӯ карда паст.

Ба нерӯи Яздону фармони шоҳ
Барорам ман ӯро зи торик чоҳ».[1]

БАЗМ СОХТАНИ РУСТАМ АЗ БАҲРИ ГЕВ

В-аз он ҷо ба айвони Рустам шуданд,
Ба раҳ-бар яке рои рафтан заданд.

Чу он номаи шоҳ Рустам бихонд,
Зи гуфтори Хусрав ба хира бимонд.

Зи бас офарини ҷаҳондор шоҳ
Бар он номвар паҳлавони сипоҳ.

Ба Гев он гаҳе гуфт: «Биштофтам,*[2]
Ба фармони шаҳ роҳро сохтам.

Бидонистам ин ранҷу кирдори ту,
Кашидан ба ҳар кор тимори ту.

Чӣ моя туро назди ман дастгоҳ,
Ба ҳар кинагоҳ-андарун кинахоҳ.

Чи кини Сиёвуш, чи Мозандарон,
Камарбаста дар пеши ҷанговарон

Бад-ин омадан ранҷ бардоштӣ,
Чунин роҳи душвор бугзоштӣ.

Ба дидори ту сахт шодон шудам,
Вале баҳри Бежан парешон шудам.[3]

---

1. ЛМ-Зи Турон бигардонам он тоҷу гоҳ.
2. М-Бишнохтам.
3. ИЛМ-Валекин зи Бежан ғиревон шудам.

www.sattor.com

Набоистаме, к-ин чунин сӯгвор
Туро дидаме хастаи рӯзгор.

Ман аз баҳри ин номаи шоҳро
Ба фармон ба сар[*1] биспарам роҳро.

Зи баҳри ту ман худ ҷигархастаам,
Бар ин кори Бежан камар бастаам.

Бикӯшам бад-ин кор, агар ҷони ман
Зи тан нагсалад пок Яздони ман.

Ман аз баҳри Бежан надорам ба ранҷ
Фидо кардани ҷону мардону ганҷ.

Ба нерӯи Яздон бубандам камар
Ба бахти ҷаҳондори[2] пирӯзгар.

Биёрам-ш[*3] аз он банду торик чоҳ,
Нишонам-ш бар номвар[4] пешгоҳ.

Се рӯз андар ин хони ман шод бош,
Ҳаме нӯш май в-аз ғам[5] озод бош,

Ки ин хона з-он хона бахшида[*6] нест,
Маро бо ту ганҷу тану ҷон якест.[7]

1. М-фармони ӯ.
2. ИЛМ-шаҳаншоҳи.
3. М-Барорам.
4. И-бо шоҳ дар.
5. Л-Маю нӯш пардозу.
6. М-Бахшуда.
7. И-б. 728, 729 нест.

www.sattor.com

Се рӯз андар[1] ин хона[2] бошем шод,
Зи гурдону аз[3] шоҳ гирем[*4] ёд.

Чаҳорум сӯи шаҳри Эрон шавем,
Ба фармони[5] шоҳи далерон шавем».

Чу Рустам чунин гуфт, барҷаст Гев,
Бибӯсид дасту сару пои нев.

Бар ӯ офарин кард, к-«Эй номвар,[*6]
Ба нерӯву мардиву бахту ҳунар[7*8]

Бимонод бар ту чунин ҷовидон
Дилу[9] зӯри пилу ҳуши мӯбадон![10]

Зи ҳар некуӣ баҳравар будиё,
Чунон к-аз дилам занг биздудиё».

Чу Рустам дили Гев падром дид,
В-аз он худ[11] ба некӣ саранҷом дид.

Ба солори хон гуфт: «Пеш ор хон,
Бузургону фарзонагонро бихон».

---

1. Биё то дар.
2. И-ҷой.
3. ЛИ-гурдон в-аз.
4. М-гурдони Эрон бигирем.
5. ИМ-наздикӣ.
6. М-сарфароз.
7. Л-Ба мардиву пирӯзиву бахту фар.
   ТПМ- Ҳамеша туро, эй гави номвар,
   Бузургиву родиву бахту ҳунар.
8. М-неруи яздон ҳамеша биноз.
9. И-Ба дил.
10. Л-бихрадон.
11. И-бад.

www.sattor.com

Завора, Фаромарз, Дастону Гев
Нишастанд бар хони солори нев.[1]

Навозандаи руд бо майгусор
Биёмад ба айвони гавҳарнигор.

Ҳама даст ҷом аз маи лаъլфом
Хурӯшанда[*2] чангу гусоранда[*3] ҷом[*4]

Се рӯз андар айвони Рустам шароб
Бихӯрду накард ӯ ба рафтан шитоб.[5]

ОМАДАНИ РУСТАМ НАЗДИ ХУСРАВ

Ба рӯзи чаҳорум гирифтанд соз,
Чу омад-ш ҳангоми рафтан фароз,

Бифармуд Рустам, ки банданд[6] бор,
Сӯи шаҳри Эрон бисечанд[7] кор.

---

1. ТПЗ-Бихӯрданд нону бипардохтанд.
2. М-Ғireванда.
3. М-дурахшанда.
4. М-Пас аз б. 740 ин б. омада:
   Бар ин гуна Рустам бисозид базм,
   Ки созандаи базм буд в-они разм.
5. ТПЗМ- Пас он гоҳ бархосту бигрифт ҷом
   Пур аз сурх май Рустами Золи Сом.
   Бигуфто, ки бар давлати шахрёр
   Кунам душманонро ҳама сӯгвор.
   Бикӯшам, ки бар кинаи Бежано
   Ба Турон дарафтад яке шевано.
   Л-пас аз б. 741 ин б. омада:
   Бибуданд аз он гуна шодон се рӯз,
   Чаҳорум чу бифрӯхт гетифурӯз.
6. ИЛ-бандед.
7. ИЛ-бисечед.

www.sattor.com

Саворони гарданкаш аз кишвараш
Ҳама роҳро сохта бар дараш.[1]

Биёмад, ба Рахш андаровард пой,
Камар басту пӯшид румиқабой.

Ба зин андарафканд гурзи ниё,
Пур аз ҷанг сар, дил пур аз кимиё.

Ба гардун барафрохта кӯс[*2] Рахш,
Зи хуршед бартар сари тоҷбахш.

Чӣ аз[*3] бурданӣ буд, бардоштанд,
Ба Зобул Фаромарз бугзоштанд.

Худу Гев бо зобулӣ сад ҳазор
Зи лашкар гузид аз дари[4] корзор.

Сӯи шаҳри Эрон ниҳоданд рӯй,
Ҳама роҳпӯёну дил кинаҷӯй.

Чу Рустам ба наздики Эрон расид,
Сари тахти Кайхусрав омад падид.

Яке бод нӯшин - дуруди сипеҳр
Ба Рустам расонид шодон ба меҳр.

Бари Рустам омад ҳамон гоҳ Гев,
Ки «Бояд маро рафтан[5] аз пеши нев.[*6]

---

1. Л-пас аз б. 774 ин б. омада:
   Бифармуд, то Рахшро зин кунанд,
   Саворон буруҳо пур аз чин кунанд.
2. М-гӯш.
3. М-куҷо.
4. ИМ-Камарбаста бар ҷангу бар.
5. Л-рафтам ба Эрон ман.
6. М-Ки ман ронам аз пеши солори.

www.sattor.com

Шавам, - гуфт, – огаҳ кунам шоҳро,
Ки паймуд Рахши Таҳам роҳро»

Бад-ӯ гуфт Рустам: «Бирав, шод бош!
Бигӯ шоҳро, к-аз ғам озод бош!»[*1]

Чу рафт аз бари Рустам он паҳлавон,
Биёмад ба даргоҳи шоҳи ҷаҳон.[2*3]

Чу наздики Кайхусрав омад фароз,
Фаровон ситуду бибурдаш намоз.

Пас аз Геви Гударз пурсид шоҳ,
Ки «Рустам куҷо монду чун буд роҳ?»

Бад-ӯ гуфт Гев: «Эй шаҳи номдор,
Баромад ба бахти ту ҳар гуна кор.

Натобид Рустам зи фармони ту,
Дилаш баста дидам ба паймони ту.

Чу он номаи шоҳ додам бад-ӯй,
Бимолид нома абар чашму рӯй.

Инон бо инони ман андарбубаст,
Чунон чун бувад марди хусравпараст.

Бирондам[*4] ман аз пеш, то назди шоҳ
Бигӯям, ки омад Таҳамтан зи роҳ».

1. М- Пас аз б. 755 ин б. омада:
Ба мужда бишуд Гев наздики шоҳ,
Ки покизадил буду покизароҳ.
2. ИЛ-б. 755, 756 нест.
3. М-б. 756 нест.
4. М-Бирафтам.

www.sattor.com

Ба Гев он гаҳе гуфт: «Рустам куҷост,
Ки пушти бузургону[*1] тухми вафост?

Гиромиш кардан сазовор ҳаст,
Ки некинамой асту хусравпараст».

Чунин гуфт Гев он гаҳе шоҳро,
Сазовор дорандаи гоҳро,

Ки «Ман омадам аз ду манзил ба пеш,
Ба огоҳ кардан сӯи шоҳи хеш».[2]

Бифармуд Хусрав ба фарзонагон,
Ба хусравнажодону мардонагон -

Пазира шудан пеши ӯ бо сипоҳ,
Ки омад ба фармони хусрав ба[*3] роҳ.

Бигуфтанд Гударзи Кашводро,
Шаҳи нӯзарон Тусу Фарҳодро.

Ду баҳра зи гурдону гарданкашон,
Чи аз гурздорону[*4] душманкушон -

Ба оини Ковус[5] бархостанд,
Пазира шуданро биёростанд.

Ҷаҳон шуд зи гарди саворон бунафш,
Хурӯшон сутуру дурахшон[6] дурафш.

1. М-бузургиву.
2. ИЛ-б. 765-767 нест.
3. М-Рустам ба фармонам омад зи.
4. М-Аз он сарфарозону.
5. И-пешина.
6. ЛМ-дурафшон.

www.sattor.com

Чу наздики Рустам фароз омаданд,
Пиёда ҳаме бо намоз[1] омаданд.

Зи асп андаромад ҷаҳонпаҳлавон,
Ба пурсидани ранҷдида гавон.[*2]

Бипурсид мар ҳар якеро зи шоҳ
Зи тобанда хуршеду рахшанда моҳ.

Нишастанд гурдону Рустам[3] бар асп
Ба кирдори рахшанда озаргушасп.[4]

Чу омад бари шоҳи кеҳтарнавоз,
Навон пеши ӯ рафту бурдаш намоз.[5]

Ситоишкунон пеши Хусрав расид,
Ки меҳру ситоиш мар ӯро сазид.[6]

Баровард сар в-офарин карду гуфт,
Ки «Бодӣ ҳамасола бо тахт ҷуфт!

Ки Ҳурмузд бодат бар ин пойгоҳ,
Чу Баҳман нигаҳдори тахту кулоҳ.

Ҳамасола Урдибиҳишти ҳужир
Нигаҳбони ту боду[*7] Баҳрому Тир.[8]

---

1. Л-ниёз.
2. М-Ҳамон паҳлавонон ба пешам давон.
3. И-гурдон саросар.
4. ТПЗМ - В-аз ин ҷо бирафтанд зӣ шаҳрёр,
   Ба пеш - андарун Рустами номдор.
5. И- Гурозон ба даргоҳи шоҳ омаданд,
   Ба дидори фаррухкулоҳ омаданд.
6. И-б. 778 нест.
7. М-Нигаҳдори ту бод.
8. ИЛ-Нигаҳбон шуда бар ҳушу рои пир.

www.sattor.com

Зи Шаҳрир бодӣ ту пирӯзгар,
Ба номи бузургиву фарру ҳунар.[1]

Сипандормуз посбони ту бод,
Хирад ҷон (у) равшан равони ту бод!

Даю Фарвадинат хуҷаста бувад,
Дари ҳар бадӣ бар ту баста бувад!

Аз Озар-т рахшанда шаб ҳамчу рӯз,
Ту шодону тоҷи ту гетифурӯз!

В-аз Обон-т ҳам кор фархунда бод,
Сипеҳри равон пеши ту банда бод![2]

Тани чорпоён-т Мурдод бод,
Ҳамеша тану бахти ту шод бод!

Туро бод фаррух ниёву нажод,
Зи Хурдод бодо бару бум шод!»

Чу ин офарин кард Рустам ба пой,[*3]
Шаҳаншаҳ бидодаш бари хеш ҷой.

Бад-ӯ гуфт Хусрав: «Дуруст омадӣ,
Ки аз ҷони ту дур дасти[4] бадӣ!

Туӣ паҳлавони каёни ҷаҳон,
Ниҳон ошкор, ошкорат ниҳон.

Гузини каёниву пушти сипоҳ,
Нигаҳдори Эрону лашкарпаноҳ.[5]

---

1. Л-б. 783 нест.
2. Л-б. 787 нест.
3. М-хусравситой.
4. ИЛ - бодо.
5. И- тахту кулоҳ.

www.sattor.com

Маро шод кардӣ ба дидори хеш,
Бад-ин пурҳунар ҷони бедори[1] хеш.

Завора, Фаромарз, Дастони Сом
Дурустанду хуррамдилу шодком?»*[2]

Фурӯ рафт Рустам, бибӯсид тахт,
Ки «Эй пурҳунар шоҳи бедорбахт,[3]

Ба бахти ту ҳар се дурустанду шод,
Анӯша касе, к-аш кунад шоҳ ёд».[4]

БАЗМ КАРДАНИ КАЙХУСРАВ БО ПАҲЛАВОНОН

Дари боғ букшод солори бор,
Нишастангаҳе сохт бас шоҳвор.

Бифармуд, то тоҷи заррину тахт
Ниҳоданд зери гулафшон дарахт.

Ҳама дебаи хусравонӣ ба боғ
Бигустарду шуд бӯстон чун чароғ.

Дарахте заданд аз бари гоҳи шоҳ,
Куҷо соя густард бар тоҷгоҳ.

Танаш симу шохаш зи ёқуту зар,
Бар ӯ гунагун хӯшаҳои гуҳар.

---

1. И-пурсиши хубу гуфтори.
2. М-Дурустанд, аз эшон чӣ дорӣ паём?
3. ИЛМ-Ки эй номвар шоҳи пирӯзбахт.
4. И-пас аз б. 797 ин б. омада:

Ба солори навбат бифармуд шоҳ,
Ки Гударзу Тусу гавонро бихоҳ.
Маю маҷлис орой бо майгусор,
Дари боғ букшой бар ҷӯйбор.
Бинеҳ тахти зар, маҷлисорой кун,
Каёнро ба ҳар ҷойгаҳ ҷой кун.

www.sattor.com

Ақиқу забарҷад ҳама баргу бор
Фурӯ ҳишта аз шох чун гӯшвор.

Ҳама бор заррин турунҷу биҳӣ,
Миёни турунҷу биҳӣ буд тиҳӣ.

Бад-ӯ-андарун мушки суда ба май,
Ҳама пайкараш суфта бар сони най.

Киро[1] шоҳ бар гоҳ биншондӣ,
Бар ӯ бод аз он[2] мушк бифшондӣ.

Биёмад, нишаст ӯ ба зарринатахт,
Ба сар-бар-ш резанда мушк аз дарахт.[3]

Ҳаме майгусорон ба пеш - андаро,
Ҳама бар сарон афсар аз гавҳаро.

Зи дебои зарбафту чинӣ[*4] қабой
Ҳама пеши гоҳи сипаҳбад ба пой.

Ҳама тавқ барбаставу гӯшвор,
Ба бар - бар ҳама ҷомаи зарнигор.[5]

Ҳама дил пур аз шодиву май ба даст,
Рухон арғувониву нобуда маст.[6]

Ҳама рух чу дебои румӣ ба ранг,
Фурӯзанда уду хурӯшанда чанг.

---

1. Л-Агар.
2. Л-бод-бар.
3. Л-б. 807 нест.
4. М-чиниву румӣ.
5. Л-Ба даст-андарун ҷоми гавҳарнигор; Л-пас аз б. 810 ин б. омада:
   Ҳама тавқдору ҳама ҳуллапӯш,
   Ҳама бо шаробу маю ною нӯш.
6. И-б. 811 нест.

www.sattor.com

Ба солори навбат бифармуд шоҳ,
Ки Гударзу Тусу гавонро бихоҳ.

Бифармуд, то Рустам омад ба тахт,
Нишаст аз бари гоҳ зери дарахт.

Ба Рустам чунин гуфт пас шаҳрёр,
Ки «Эй некпайванди беҳрӯзгор!

Зи ҳар бад туӣ пеши Эрон сипар,
Ҳамеша чу симурғ густарда пар.

Чи дар шаҳри Эрон, чи пеши каён,
Ҳама бар дари ранҷ бастӣ миён.

Шиносӣ ту кирдори гударзиён,
Таносониву ранҷу суду зиён.[1]

Миён баста доранд пешам ба пой,
Ҳамеша ба некӣ[2] маро раҳнамой.

Ба танҳо тани Гев аз анҷуман
Зи ҳар бад сипар буд дар пеши ман.

Чунин ғам бад-ин дуда н-омад ба низ,[*3]
Ғам аз баҳри фарзанд бадтар[4] чӣ чиз.[5*6]

Бад-ин кор агар ту набандӣ камар,
Набинам ба гетӣ дигар чорагар.

---

1. И-б. 817, 818 нест.
2. И-шодӣ.
3. М-Ҳама ҷома пургавҳари шоҳвор.
4. Л-бартар.
5. ТПЛ - Бар ин кор агар ту бубандӣ миён,
   Пазира наёяд-т шери* жиён.
   * Л-Пазират наёяд ҳужабри.
6. М-падид

www.sattor.com

Кунун чораи кори Бежан бичӯй,
Ки ӯро зи Турон[*1] бад омад ба рӯй.

Зи аспу силеҳу зи мардону ганҷ[2]
Бубар, ҳар чӣ бояд, мадор эч ранҷ»[3]

Чу Рустам зи Кайхусрав эдун шунуд,
Заминро бибӯсиду барҷаст зуд.

Бар ӯ офарин кард, к-«Эй неком,
Чу хуршед ҳар ҷой густарда ком.

Зи ту дур бод озу хашму ниёз,
Дили бадсиголат ба гурму гудоз.

Туӣ бар каён шоҳу солору кай,
Каёни ҷаҳон мар туро хоки пай,

Ки чун ту надидаст як шоҳ гоҳ,
На тобанда шеду на рахшанда[4] моҳ.[5]

Бадонро зи некон ту кардӣ ҷудо,
Ту бастӣ ба афсуну банд аждаҳо.

Маро модар аз баҳри ранҷи ту зод,
Ту бояд, ки бошӣ ба ором шод.

Манам гӯшдода ба фармони шоҳ,
Бад-он сӯ равам, к-ӯ намояд-м роҳ.[6]

1. М-кӣ дид?
2. И-мардони ҷанг.
3. И-зи ман бедиранг.
4. ЛМ-гарданда.
5. И-б. 829 нест.
6. И-б. 831, 832 нест.

www.sattor.com

Бикандам дили деви Мозандарон,
Ба фарри каёниву гурзи гарон.

Чунон, к-аз*[1] паи Гев агар бар сарам
Ҳаво борад оташ, бад-ӯ нангарам.

Гар ояд ба мижгонам андар синон,
Натобам зи фармони хусрав инон.

Барорам ба фарри ту ин коркард,
Сипаҳбад нахоҳам, на мардони мард».

Чу Рустам чунин гуфт, Гударзу Гев,
Фарибурзу Фарҳоду Шопури нев -

Бузургони лашкар бар ӯ офарин
Ҳаме хонданд аз ҷаҳонофарин.

Ба май даст бурдандy мастон шуданд,
Зи ёди сипаҳбад ба дастон шуданд.[2]*[3]

Ба шодӣ ҳаме хӯрд май шаҳрёр,
Кушода ба шодӣ[4] дари навбаҳор.

ХОСТ КАРДАНИ РУСТАМ ГУРГИНРО АЗ ШОҲ

Чу Гургин нишони Таҳамтан шунид,
Бидонист, к-омад ғамашро калид.

Фиристод наздики Рустам паём,
Ки «Эй некпай, фарруху некном!

1. М-туркон.
2. И-б. 839 нест.
3. М-Дигар аз.
4. Л-маҷлис.

www.sattor.com

Дарахти бузургиву ганҷи вафо,
Дари родмардиву банди бало.

Гарат ранҷ н-ояд зи гуфтори ман,
Бигӯям кунун бо[1] ту[2] кирдори ман.

Нигаҳ кун ту дар кори ин кӯжпушт,[3]
Ба хира чароғи диламро бикушт.

Ба торикӣ - андар маро раҳ намуд,
Набишта чунин буду буд, он чӣ буд.

Бар оташ ниҳам хештан пеши шоҳ,
Гар омурзиш ояд маро з-ин гуноҳ.

Магар боз гардад зи бад номи ман,
Ба пиронсар ин буд саранҷоми ман.

Магар гар бихоҳӣ зи шоҳи ҷаҳон,
Чу ғурми жиён бо ту бандам миён.

Шавам пеши Бежан, биғалтам ба хок,
Магар боз ёбам ман он кеши пок».

Чу пайғоми Гургин ба Рустам расид,
Яке боди сард аз ҷигар баркашид.

Бупечид аз он дарду пайғоми ӯй,
Ғам омад-ш аз он беҳуда коми ӯй.

1. И-бар.
2. Л-Сухан густаронӣ зи.
3. И-кӯзпушт.
*2 М- Ба вай даст бурданд бо шаҳрёр,
Кушода ба шодӣ дари навбаҳор.

www.sattor.com

Фиристодаро гуфт: «Рав,[1] боз гард,
Бигӯяш, ки эй[2] хира, нопокмард!

Ту нашнидаӣ достони паланг,
Бад-он жарфдарё, ки зад бо наҳанг,

Ки гар бар хирад чира гардад ҳаво,
Наёбад зи чанги ҳаво кас раҳо.

Хирадманд, к-орад ҳаворо ба зер,
Бувад достонаш чу шери далер.

Ту дастон намудӣ чу рӯбоҳи пир,
Надидӣ ҳаме доми нахчиргир.

Нашояд бар ин беҳуда коми ту,
Ки ман пеши Хусрав барам номи ту.

Валекин кунун бас ба бечорагӣ
Фурӯмонда бинам-т якборагӣ.

Зи Хусрав бихоҳам гуноҳи туро,
Барафрӯзам ин тира моҳи туро.

Агар Бежан аз банд гардад раҳо
Ба фармони додори кайҳонхудо.

Раҳо будӣ аз банду растӣ ба ҷон,
Зи ту дур шуд кинаи паҳлавон.

В-агар ҷуз бар ин гуна гардад сипеҳр
Зи ҷону тани хеш бардор меҳр.

Нахустин ман оям бар ин кинахоҳ,
Ба нерӯи Яздону фармони шоҳ.

1. Л-шав.
2. Л-аё.

www.sattor.com

В-агар ман наёбам, ҳунарманд Гев
Бихоҳад зи ту кини фарзанди нев».

Баромад бар ин кор як[*1] рӯзу шаб,
Аз ин кор накшод бар шоҳ лаб.

Дувум[*2] рӯз чун шед бинмуд тоҷ,
Нишаст аз бари симгун тахти оҷ.

Таҳамтан биёмад, бигустард пар,
Ба хоҳиш бари шоҳи пирӯзгар.

Зи Гургин сухан рафт бо шаҳрёр
Аз он гумшудабахти бадрӯзгор.

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй сипаҳдори ман,
Ҳаме бугсилӣ банду зинҳори ман,

Ки савганд хӯрдам ба тахту кулоҳ,
Ба баҳрому ноҳиду хуршеду моҳ,

Ки Гургин набинад зи ман ҷуз бало,
Магар Бежан аз банд гардад раҳо.

Ҷуз ин орзу ҳар чӣ хоҳӣ, бихоҳ,
Зи теғу зи меҳру зи тахту кулоҳ».

Пас он гаҳ чунин гуфт Рустам ба шоҳ,
Ки «Эй богуҳар, номвар пешгоҳ!

Агар бад сиголид, печад ҳаме,
Фидо кардани ҷон бисечад ҳаме.

1. М-номвар.
2. М-ду.

www.sattor.com

Гар омурзиши шоҳ н-ояд ба пеш,
Ба наздаш наёяд ҳаме дину кеш.[1]

Ҳар он кас, ки гардад зи роҳи хирад,
Саранҷом печад зи кирдори бад.[2]

Сазад, гар кунӣ ёд кирдори ӯй,
Ҳамеша ба ҳар кина пайкори ӯй.

Ба пеши ниёкон-т баста камар,
Ба ҳар кинагаҳ бо яке кинавар.[*3]

Агар шоҳ бинад, ба ман бахшадаш,
Магар бахт як лахт[4] бидрахшадаш».

Ба Рустам бубахшид пирӯзшоҳ,
Раҳонидаш аз банду торик чоҳ.

ОРОСТАНИ РУСТАМ ЛАШКАРИ ХЕШ

Зи Рустам бипурсид пас шаҳрёр,[5]
Ки «Чун ронд хоҳӣ бад-ин кина кор?[6]

Чӣ хоҳӣ зи ганҷу зи лашкар, бихоҳ,
Кӣ бояд, ки бо ту биёяд ба роҳ?

Битарсам зи бадгавҳар Афросиёб,
Ки бар хуни[7] Бежан бигирад шитоб,

1. Л-Бибуррад зи дину бибуррад зи кеш.
2. И-Бупечад ба фарҷом аз он кори бад.
3. М-Сеюм.
4. ЛМ-якбора.
5. И-фирӯз шоҳ.
6. И-аз ин боргоҳ.
7. ИЛМ-ҷони.

www.sattor.com

Ки ӯ[1] бодсор асту деви нажанд-
Бад-ӯ дода афсуну найрангу[*2] банд.[3]

Бичунбонадаш як замон дил зи ҷой,
Бигардонад он теғзанро зи пой».

Чунин гуфт Рустам ба шоҳи ҷаҳон,
Ки «Бипсечам ин кор андар ниҳон.

Калиди чунин банд бояд фиреб,
Набояд бар ин кор кардан ниҳеб.

Ба кирдори бозоргонон шудан,
Шикебо фаровон ба Турон[*4] будан.

Бад-он кор бояд кашидан инон,
На ҳангоми гурз асту теғу синон.

Фаровон гуҳар бояду зарру сим,
Ба рафтан ба уммеду будан ба бим.

Зи густарданӣ ҳам зи пӯшиданӣ
Бибояд баҳоиву бахшиданӣ».

Чу бишнид Хусрав зи Рустам сухан,
Бифармуд, к-аз ганҷҳои куҳан

Биёрад бари шоҳ ганҷури ӯй,
Зи ганҷ, он чӣ фармуд дастури ӯй.[5]

Сари бадра бикшуд ганҷури шоҳ,
Ба динору гавҳар биёрост гоҳ.

1. ИМ-Яке.
2. М-Аквонш афсуну.
3. Л-банду газанд.
4. М-фаровон ба Турон бибояд.
5. ИМ-б. 894 нест.

www.sattor.com

Таҳамтан биёмад, ҳама бингарид,
Ҳар он ч-аш бибоист, аз он баргузид.

Аз он[1] даҳ[2] шутур бор динор кард,
Сад уштур зи рахту буна[3] бор кард.

Бифармуд Рустам ба солори бор,
Ки «Бугзин зи лашкар саворон[4] ҳазор.

Зи шерони гарданкаши[5] номвар,
Бибояд тане чанд баста камар.

Чу Гургину чун Зангаи Шоварон,
Дигар Густаҳам теғи[*6] ҷанговарон,

Чаҳорум Гуроза, ки ронад сипоҳ,
Нигаҳбони гурдону тахту кулоҳ,

Чу Руҳҳому Фарҳод гурди далер,
Чу Ашкаш, ки ҳаст ӯ яли наррашер.[7]

Чунин ҳафт як бояд ороста,
Нигаҳбони ин лашкару хоста.

Ҳама бар фузунӣ бияндохтанд,
Чунин, к-аш[8] бибоист, барсохтанд.[9*10]

---

1. ИЛ-ӯ.
2. Л-сад.
3. Л-гавҳар ҳама; И-ганҷу зи дур.
4. Л-саворе; ИМ-гурдони лашкар.
5. ИМ-гурдони гарданкашу.
6. М-шоҳи.
7. И-901, 901 нест.
8. ИЛ-Чунон чун.
9. ТПЗЛМ - Чу огоҳӣ омад ба гурдони шоҳ,
   Хиромон бирафтанд то боргоҳ.*
   Чунин гуфт Занга, ки Хусрав куҷост?
   Чӣ омад ба рӯяш, ки моро бихост?

   * Л-танҳо б. дувум мавҷуд аст
10. М-Ҳама кор некӯ бипардохтанд.

www.sattor.com

РАФТАНИ РУСТАМ БА ШАҲРИ ХУТАН БА НАЗДИ ПИРОН

Пас он гоҳ гуфташ ба гарданкашон,*[1]
Бар он гурздорону мардумкушон,

Чу солори навбат биёяд ба дар,
Ба шабгир банданд гурдон камар.

Сипедадамон гоҳи бонги хурӯс
Бубастанд бар кӯҳаи пил кӯс[2]*[3]

Таҳамтан биёмад чу сарви баланд,
Ба чанг - андарун гурзу бар зин каманд.

Бирафт аз дари шоҳ бо лашкараш,
Ҳаме офарин хонд бар кишвараш.

Сипоҳ аз паси пушти гурдон зи пеш,
Ниҳода ба каф-бар ҳама ҷони хеш.

Ҳама найзаву тирашон раҳнамун,
Ҳама дастро пок шуста ба хун.[4]

Чу наздикии марзи Турон расид,
Сарони сипаҳро ҳама баргузид.

Ба лашкар чунин гуфт пас паҳлавон,
Ки «Эдар бибошед равшанравон.

Маҷунбед аз эдар, магар ҷони ман
Зи тан бугсилад пок Яздони ман.

1. М-б. 905 нест.
2. И-б. 907 нест.
3. М-Зи даргоҳ бархост овози кӯс.
4. ЛМ-б. 911 нест.

www.sattor.com

Басечида бошед мар ҷангро,
Ҳама тез карда ба хун чангро».

Сипаҳро бад-он марзи Эрон бимонд,
Худу саркашон сӯи Турон биронд.

Ҳама ҷома бар сони бозоргон,
Бипӯшиду букшод банд аз миён.

Кушоданд гурдон камарҳои сим,
Бипӯшидашон ҷомаҳои гилем.

Сӯи шаҳри Турон ниҳоданд рӯй
Яке корвоне пур аз рангу бӯй.

Гаронмоя ҳашт[1] асп дар корвон,
Яке Рахшу дигар нишаста[2] гавон.

Даҳ[3] уштур, ҳама борашон гавҳаро,
Сад уштур, ҳама ҷомаи лашкаро.

Зи бас ҳою ҳуи ҷаранги дарой,
Ба кирдори таҳмурасӣ каррной.

Ҳама дашт аз овозашон механид,
Ҳаме рафт, то шаҳри Пирон[4] расид.

Дар он марзи Турон яке шаҳр буд,
Ки Пирон аз он шаҳр бо баҳр буд.*[5]

1. И-ҳафт.
2. И-гашти.
3. ИЛ-Сад.
4. Л-Турон.
5. М- Чу омад ба наздики шаҳри Хутан,
Назора биёмад бараш марду зан.

www.sattor.com

Ба нахчир буд рафта Пирон зи ҷой,
Набуд кас ба даргоҳи ӯ-бар ба пой.[*1]

Чу Пирони Виса зи нахчиргоҳ
Биёмад, Таҳамтан бидидаш ба роҳ.

Яке ҷоми заррин пур аз гавҳаро,
Ба дебо бипӯшид Рустам саро.[2]

Ду аспи гаронмоя бо зини зар[3]
Ба гавҳар биёроста сар ба сар.[4]

Ба фармонбарон доду худ пеш рафт,
Бари[5] гоҳи[*6] Пирон хиромид тафт.

Бар ӯ офарин кард, к-«Эй номвар,
Ба Эрону Турон ба бахту ҳунар!

Чу ту кас набошад ба фарру кулоҳ,
Ки дастури шоҳиву зебои гоҳ».[7]

Чунон кард равшан ҷаҳондор соз,
Ки Пирон мар ӯро надонист боз.

Бипурсиду гуфт: «Аз куҷоӣ,[8] бигӯй,
Чӣ мардиву чун[9] омадӣ пӯяпӯй?»

---

1. М- Набуд род Пирони Виса ба ҷой,
На кас пеши даргоҳи ӯ-дар ба пой.
2. И-пас аз б. 927 ин б. омада:
Чу омад бар он шаҳр гарданфароз,
Ҳаме ҷуст ҳар сӯ нишебу фароз.
3. ИЛ-гавҳараш.
4. ИЛ-Ба дебо биёрост андарх(в)араш.
5. И-Сӯи.
6. М-Ба даргоҳи.
7. ИЛ-б. 931 нест.
8. -Бипурсид Пирон, ки ҷоят.
9. И-мардӣ куҷо.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт Рустам: «Туро кеҳтарам,
Ба шаҳри ту кард Эзад обишх(в) арам.

Ба бозоргонӣ аз Эрон ба Тур
Бипаймудам ин роҳи душвори дур.

Фурӯшандаам, ҳам харидор низ,
Фурӯшам, бихаррам зи ҳар гуна чиз.

Ба меҳри ту дорад равонам[1] навид,
Чунин[*2] чира шуд бар дилам-бар умед.[3]

Агар паҳлавон гирадам зери пар,
Харам чорпову фурӯшам гуҳар.

Ҳам аз доди ту кас наёзорадам,
Ҳам аз абри меҳрат гуҳар борадам».

Пас он ҷоми пургавҳари шоҳвор
Миёни меҳон кард[*4] пешаш нисор.

Гаронмоя аспони тозинажод,
Ки бар мӯяшон гард наншонд бод.

Басе офарин карду он хоста,
Бад-ӯ доду шуд кор пероста.

Чу Пирон бар он гавҳарон бингарид,
К-аз он ҷоми рахшанда омад падид.[5*6]

1. ИМ-орам равонро.
2. М-Кунун.
3. И-Кунун омадам бо дили пурумед.
4. Ниёишкунон бурд.
5. И-б. 943 нест.
6. М-б. 943-944 нест.

www.sattor.com

Бар ӯ офарин карду[1] бинвохташ,
Бари[2] тахти пирӯза биншохташ,

Ки «Рав, шоду эмин ба шаҳр андарой,
Ки мо назди хешат бисозем ҷой.

Аз ин хоста бо ту тимор нест,
Касеро бад-ин бо[3] ту пайкор нест.

Бирав ҳар чӣ дорӣ баҳоӣ, биёр,
Харидор кун ҳар сӯе хостор.

Фуруд ой дар хони фарзанди ман,
Чунон бош бо ман чу[4] пайванди ман».

Чунин гуфт Рустам, ки «Эй паҳлавон,
Ҳам эдар бибошем бо[5] корвон.

Ҳама хоста сар ба сар мар турост,
Ба ҳар ҷо ки бошем, аз ин пас равост,[6]

Ки бо ман зи ҳар гуна гавҳар[7] бувад,
Набояд, к-аз он гавҳаре кам[8] шавад.

Ба пирӯз бахти ту,эй паҳлавон,
Ба берун бибошем равшанравон».[9]*[10]

---

1. И-Чу Пирон чунон дид.
2. ИЛ-Бар он.
3. И-бар.
4. И-ки.
5. Л-бибошам бари.
6. И-б. 950 нест:
   ТП- Ба берун фуруд оям, эй паҳлавон,
   Ҳам он ҷо ки бошем бо корвон.
7. И-мардум.
8. И-гавҳараш гум.
9. И-б. 952 нест.
10. М-Ҳам он ҷо, ки бошем бо корвон.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт: «Рав, б-орзу гир ҷой,
Кунам посбонон ба пешат[1] ба пой».

Яке хона бугзид,[*2] барсохт кор,
Ба кулба - дарун рахт бинҳоду бор.

Хабар шуд, к-аз Эрон яке корвон
Биёмад бари номвар паҳлавон.

Зи[3] ҳар сӯ харидор бинҳод гӯш,
Чу огоҳӣ омад зи гавҳарфурӯш.

Харидори дебову фаршу гуҳар
Ба даргоҳи Пирон ниҳоданд сар.

Чу хуршед гетӣ биёростӣ,
Бад-он кулба бозор бархостӣ.[4]

ОМАДАНИ МАНИЖА БА ПЕШИ РУСТАМ

Манижа хабар ёфт аз корвон,
Якояк ба шаҳр андаромад давон.

Бараҳнасар он[5] духти Афросиёб
Бари Рустам омад ду дида пур об.

Ҳаме б-остин хуни мижгон бируфт,
Бар ӯ офарин карду пурсиду гуфт,

Ки «Бархурдӣ аз ҷону аз ганҷи хеш,
Мабодат пушаймонӣ аз ранҷи хеш.

1. ИЛ-раҳнамонон ба пуштат.
2. М-Бигрифт.
3. И-ба.
4. ТПЗИЛ - Баромад бар ин рӯзгоре чунин,
   Ки Рустам бимонда ба Туронзамин.
5. Л-бараҳна, навон.

www.sattor.com

Ба коми ту бодо сипеҳри баланд,
Зи чашми бадонат мабодо газанд.[1]

Ба уммед дилро, ки бастӣ миён,
Зи ранҷе, ки бурдӣ мабодат зиён.

Ҳамеша хирад бодат омӯзгор,
Хунук шаҳри[2] Эрону хуш рӯзгор!

Чӣ огоҳӣ астат зи гурдони шоҳ,
Зи Геву зи Гударзу эронсипоҳ.

Наёмад зи Бежан ба Эрон хабар?
Ниёяш нахоҳад будан чорагар?

Ки чунин ҷавоне зи гударзиён
Ҳаме бугсалонад зи оҳан миён.

Бисудаст пояш ба банди гарон,
Ду досташ ба мисмори оҳангарон.

Кашида ба занҷиру баста ба банд,
Ҳама ҷома пурхун, аз он мустаманд.

Наёбам зи дарбешии хеш[*3] хоб,
Зи нолидани ӯ ду чашмам пуроб».[4]

1. Л-б. 963 нест.
2. И-бод.
3. М- зи тимори ӯ ҳеч.
4. ТПЗИМ - Ту бо фарраҳӣ, гар ба Эрон шавӣ,
Бад-он кишвари номдорон шавӣ,
Ба даргоҳи Хусрав магар Гевро
Бубиниву ё * Рустами невро.
Бигӯӣ, ки Бежан ба банд** андар аст
В-агар дер монӣ, шавад кор паст.***

* И-Бубнӣ в-агар. ** И-ранч. ***И-гирад, шавад ӯ зи даст.

www.sattor.com

Битарсид Рустам зи гуфтори ӯй,
Яке бонг барзад, бирондаш зи[*1] рӯй.

Бад-ӯ гуфт, к-«Аз пеши ман дур шав,
На Хусрав шиносам, на солори нав.[2]

Надорам зи Гударзу Гев огаҳӣ,
Ки мағзам зи гуфтор кардӣ тиҳӣ».

Ба Рустам нигаҳ карду бигрист зор,
Зи хорӣ[*3] биборид хун бар канор.

Бад-ӯ[4] гуфт, к-«Эй меҳтари пурхирад,
Зи ту сард гуфтан на андарх (в) арад.[5]

Сухан гар нагӯӣ, маронам зи пеш,
Ки ман худ диле дорам аз дард реш.

Чунин бошад оини Эрон магар,
Ки дарвешро кас нагӯяд хабар?»

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Эй зан чӣ буд,
Магар к-Аҳриман растахезат намуд?

Ҳаме барнаваштӣ[*6] ту бозори ман,
Аз ин рӯй буд бо ту пайкори ман.

Бад-ин тундӣ аз ман маёзор беш,
Ки дил баста будам ба бозори хеш.

1. М-баландаш ба.
2. И-гав.
3. М-зорӣ.
4. М-Чунин.
5. И-б. 976 нест.
6. М-баршикастӣ.

www.sattor.com

Ва дигар ба ҷое,[*1] ки Кайхусрав аст,
Бад-он шаҳр[*2] ман худ надорам нишаст.

Надонам зи бун Геву Гударзро,
На ҳаргиз бипаймудам он марзро».[3]

Бифармуд, то хӯрданӣ ҳар чӣ буд,
Ниҳоданд дар пеши дарвеш зуд.

Якояк сухан кард аз ӯ хостор,
Ки «Бо ту чаро шуд дижам рӯзгор?

Чӣ пурсӣ аз Эрону аз тахти шоҳ?
Чӣ дорӣ ҳаме роҳи Эрон нигоҳ?»[4]

Манижа бад-ӯ[5] гуфт, к-«Аз кори[6] ман
Чӣ пурсӣ зи ранҷу зи[*7] тимори[8] ман?

Аз он чоҳсар бо дили пур зи дард
Давидам ба назди ту, эй родмард!

Ки аз ту бипурсам яке нав хабар
Зи Геву зи Гударзи пархошвар.[9]

Задӣ бонг бар ман чу ҷанговарон,
Натарсӣ ту аз довари доварон?

1. М-шаҳре.
2. М-ҷой.
3. И-пас аз б. 983 ин б. омада:
   Ман аз шаҳр ҳастам, зи Кобулситон,
   Падар ҳаст аз буми Зобулситон.
4. И-б. 986 нест.
5. И-чунин.
6. И-кирдори.
7. М-Бадбахту.
8. И-ту аз ранҷу.
9. И-б. 988, 989 нест.

www.sattor.com

Манижа манам - духти Афросиёб,
Бараҳна надида танам[1] офтоб.

Кунун дида пурхуну дил пур зи дард,
Аз ин дар бад-он дарду рухсор зард -

Ҳаме нони кашкин фароз оварам,
Чунин ронд Эзад қазо бар сарам.[2]

Аз ин зортар чун бувад рӯзгор,
Сар орад магар бар ман ин кирдгор?

Ки бечора Бежан дар он жарфчоҳ
Набинад шабу рӯз хуршеду моҳ.

Ба ғуллу ба мисмору банди гарон
Ҳаме марг хоҳад[*3] зи Яздон бар он.

Маро дард бар дард бифзуд аз он,
Нам аз дидагонам биполуд аз он.

Кунун гар-т[4] бошад ба Эрон гузар,
Зи Гударзи Кашвод ёбӣ хабар,

Ба даргоҳи Хусрав магар Гевро
Бубиниву ё Рустами невро,

Бигӯӣ, ки Бежан ба чоҳ-андар[*5] аст,[6]
В-агар дер ойӣ, шавад кор паст.[7]

1. И-надидӣ маро; ЛМ-маро.
2. ТПЗЛ - Барои* яке Бежани шӯрбахт
Фитодам зи тоҷу фитодам зи тахт.
* Л-Зи бахри.
3. М-ҷӯяд.
4. Л-к-аз ту.
5. М-сахтӣ-дар.
6. И-сахтӣ-дар аст.
7. И-Зи бас ғам ба биму газанд - андар аст.

www.sattor.com

Чу хоҳӣ, ки бинӣ,[1] маёсой[2] дер,
Ки аз бол санг асту[3] оҳан ба зер».

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Эй хубчеҳр,
Чаро борӣ[4] аз дидагон оби меҳр?

Чаро назди боби ту хоҳишгарон
Наянгезӣ аз ҳар сӯе меҳтарон?

Магар бар ту бахшоиш орад падар,
Биҷӯшад-ш хуну бисӯзад ҷигар.

1005 Гар озарми бобат набудӣ зи пеш,
Туро додаме[5] чиз аз андоза беш».

Ба холигарон гуфт: «Ҳар гун х(в)араш,[*6]
Ки ӯро бибояд биёвар бараш».

Яке мурғи бирён бифармуд гарм,
Бупечид бар гирди он[*7] нони нарм.

Сабук дасти Рустам ба сони парӣ
Ниҳон кард дар[*8] мурғ ангуштарӣ.

Бад-ӯ доду гуфташ[9] «Бад-он чоҳ бар,
Ки бечорагонро туӣ роҳбар».

---

1. ИМ-В-агар дид хоҳӣ.
2. Л-биниш мосой.
3. И-Куҷо бар сараш сангу.
4. И-резӣ.
5. И-бахшаме.
6. М-к-аз ҳар к-вараш.
7. М-Навишта ба гирд - андарун.
8. М-Нуҳуфт андар он.
9. И-гуфто.

www.sattor.com

ОГОҲӢ ЁФТАНИ БЕЖАН АЗ ОМАДАНИ РУСТАМ

Манижа биёмад бад-он чоҳсар
Давон, хӯрданиҳо[*1] гирифта ба бар.

Навашта ба дастор чизе, ки бурд,
Чунон ҳам навашта ба Бежан супурд.

Нигаҳ кард Бежан, ба хира бимонд,
Аз он чоҳ хуршедрухро бихонд,

Ки «Эй меҳрубон, аз куҷо ёфтӣ
Хуришҳо, к-аз ин гуна биштофтӣ?

Басо ранҷу сахтӣ, к-ат омад ба рӯй,
Зи баҳри ман, эй меҳрубон чораҷӯй»,[*2]

Манижа бад-ӯ гуфт к-«Аз корвон
Яке моявар[*3] марди бозоргон

Аз Эрон ба Турон зи баҳри дирам
Кашида зи ҳар гуна бисёру кам.[4]

Яке марди покиза бо ҳушу фар,
Зи ҳар гуна бо ӯ фаровон гуҳар.

Ҳамаш дастгоҳ асту ҳам дил фарох,
Яке кулба созид[5] дар пеши кох.

Ба ман[*6] дод аз ин гуна дасторхон,
Ки бар ман ҷаҳонофаринро бихон.

---

1. М-Давону хӯришҳо.
2. М-манӣ рузу шаб пӯй-пӯй.
3. М-номвар.
4. ИЛ-бисёр ғам.
5. Л-созида.
6. моро.

www.sattor.com

Бад-он чоҳ наздики он баста рав,[*1]
Дигар гар бихоҳад, бубар нав ба нав».

Бигустард Бежан пас он нони пок,
Пуруммед дил гашта[2] бо тарсу бок.

Чу дасти хуриш бурд аз он доварӣ,
Бидид он ниҳонкарда ангуштарӣ.

Нигинаш нигаҳ карду номаш бихонд,
Зи шодӣ бихандиду хира бимонд.

Яке мӯҳри пирӯза Рустам бар ӯй
Ба оҳан навишта ба кирдори мӯй.

Чу бори дарахти вафоро бидид,
Бидонист, к-омад ғамашро калид.

Бихандид хандидани шоҳвор,
Чунон, к-омад овозаш[*3] аз чоҳсор.

Манижа чу бишнид хандиданаш
Аз он чоҳи торику баста танаш,

Шигифт омадаш достоне бизад,
Ки девона хандад зи кирдори х(в)ад.

Манижа аҷаб монд аз он кори сахт,
Бигуфт: «Ии чӣ ханда-ст, эй некбахт.[4]

Чӣ гуна кушодӣ ба ханда ду лаб,
Ки шаб рӯз бинӣ, ҳаме рӯз шаб.

---

1. М-шав.
2. Л-гоҳ.
3. Ки овози ӯ омад.
4. И-б. 1029нест.

www.sattor.com

Чӣ роз аст, пеш ору бо ман бигӯй,
Магар бахти некат намудаст рӯй?»[1]

Бад-ӯ гуфт Бежан, ки «Ин кори сахт
Ба уммеди онам, ки букшод бахт.

Кунун гар вафои маро нашканӣ,
Ба савганд бо ман ту паймон кунӣ,

Бигӯям туро сар ба сар достон,
Чу бошӣ ба савганд ҳамдостон,

Ки гар лаб бидӯзӣ зи баҳри газанд,
Занонро забон ҳам намонад ба банд».

Манижа чу бишнид,[2] нолид сахт,
Ки «Бар ман чӣ омад зи бадхоҳ бахт.

Дареғо, ки шуд[3] рӯзгорони ман,
Дили хаставу чашми гирёни[4] ман -

Бидодам ба Бежан дилу[5] хонумон,
Кунун гашт бар ман чунин бадгумон.

Падар гашта безору хешон зи ман,
Бараҳна давон бар сари анҷуман.

Ҳамон ганҷу динору тоҷу гуҳар
Ба тороҷ додам ҳама сар ба сар.

Аз уммеди Бежан шудам ноумед,
Ҷаҳонам сиёҳу ду дида сапед.

1. Л-б. 1030 нест.
2. ИЛМ-хурӯшиду.
3. И-дареғ он ҳама; ЛМ-Дареғо шуда,
4. ИЛ-борони.
5. Л-тану.

www.sattor.com

Бипӯшад ҳаме роҳ бар ман чунин,
Ту огаҳтарӣ, эй ҷаҳонофарин».

Бад-ӯ гуфт Бежан: «Ҳама рост аст,
Зи ман кори ту пок баркостаст».

Чунин гуфт, к-«Акнун бибоист гуфт,
Аё меҳрубон ёру ҳушёр[1] ҷуфт.

Сазад, гар ба ҳар кор пандам диҳӣ,
Ки мағзам ба ранҷ - андарун шуд тиҳӣ.

Ту бишнос, к-он[*2] марди гавҳарфурӯш,
Ки холигараш мар туро дод нӯш.[*3]

Зи баҳри ман омад ба Турон фароз,
В-агар на ба гавҳар набудаш ниёз.

Бубахшуд бар ман ҷаҳонофарин,
Бубинам магар паҳн рӯи замин.

Раҳонад маро з-ин ғамони дароз,
Туро з-ин такопӯи гарму гудоз.

Ба наздики ӯ рав, бигӯяш ниҳон,
Ки эй паҳлавони каёни ҷаҳон!

Ба дил меҳрубону ба тан чораҷӯй,
Агар ту худованди Рахшӣ, бигӯй».

1. И-ҳушёру; Л-ёри ҳушёри.
2. М-Чунон дон, ки он.
3. М-Ки он мурғи бирён туро дод дӯш.

www.sattor.com

Биёмад зи беша[1*2] ба кирдори бод
Манижа, ба Рустам[3] паёмаш[*4] бидод.

Чу бишнид гуфтори он хубрӯй,
К-аз он роҳи дур омадаш чораҷӯй,[5]

Бидонист Рустам, ки Бежан сухун
Кушодаст бар гулрухи[6*7] сарвбун.

Бубахшуду гуфташ,[8] ки «Эй хубчеҳр,
Ки Эзад[*9] туро з-ӯ мабуррод меҳр.

Басо ғам, ки хӯрдӣ дар ин рӯзи чанд,
Зи тимор гаштӣ чунин мустаманд,[10]

Бигӯяш, ки оре худованди Рахш
Туро дод Яздони фарёдбахш.

Зи Зобул ба Эрон, зи Эрон ба Тур,
Зи баҳри ту паймуд ин роҳи дур.

Чу ин гуфта бошӣ, сухан роз дор,
Шаби тира гӯшат ба овоз дор.

Зи беша фароз ор ҳезум ба рӯз,
Шаб ояд, яке оташе барфурӯз».

1. И-ба пешаш.
2. М-Манижа.
3. И-Бари Рустам омад.
4. М-Чу боист пайғоми Бежан.
5. Л-омаду пӯяпӯй; ИП-Пӯяпӯй.
6. Л-моҳрух.
7. М-Як сар бар он.
8. Л-Бад-ӯ гуфт Рустам.
9. М-Яздон.
10. -б. 1056 нест.

www.sattor.com

Манижа зи гуфтори ӯ шод шуд,
Дилаш з-андуҳон[1] яксар озод шуд.

Биёмад дамон то бад-он кӯҳсор,[2]
Ки будаш ба чоҳ - андарун ғамгусор.

Бигуфташ, ки «Додам саросар паём
Бад-он некпай фаррухи некном».

Чунин дод посух, ки «Онам дуруст,
Ки Бежан ба ному нишонам бичуст.

Ту бо доғи дил чанд пӯӣ ҳаме,
Ду рухро ба хуноб шӯӣ ҳаме,

Бигӯяш, ки моро ба сони паланг
Бисуд аз паи ту камаргоҳу чанг.

Кунун чун дуруст омад аз ту нишон,
Бубинӣ сари теғи мардумкушон.[3]

Заминро бидарронам[*4] акнун ба чанг,
Ба гардун барандозам осуда санг.

Маро,[5] - гуфт, - чун тира гардад ҳаво,
Шаб аз чанги хуршед гардад[6] раҳо,

Ба кирдори кӯҳ оташе барфурӯз,
Ки шаб бар[*7] сари чоҳ гардад чу рӯз.

1. И-аз ғамон.
2. ИМ-чоҳсор.
3. И-гарданкашон.
4. М-биларзонам.
5. Л-Ба ман
6. И-ёбад.
7. М-Ки дашту.

www.sattor.com

Бад-он то бубинам сари чоҳро,
Бад-он равшанӣ биспарам роҳро».

Чу бишнид Бежан бар он сон паём,
Ба чоҳ - андарун гашт аз он шодком.[1]

Сӯи кирдгори ҷаҳон кард сар,
Ки «Эй пок бахшандаи додгар!

Зи ҳар бад[*2] ту бошӣ маро дастгир,
Ту зан бар дилу ҷони бадхоҳ тир.

Бидеҳ доди ман з-он ки бедод кард,
Ту донӣ ғамони ману доғу[3] дард.

Магар боз ёбам бару бумро,
Бимонам ман ин ахтари шумро.

Ту эй ҷуфти ранҷозмуда зи ман,
Фидо карда ҷону дилу чизу тан,

Бад-ин ранҷ, к-аз ман ту бардоштӣ,
Ҳама ранҷи ман шодӣ ангоштӣ.

Бикардӣ раҳо тоҷу тахту камар,
Ҳамон ганҷу хешону мому падар.

Агар ёбам аз чанги ин аждаҳо
Бад-ин рӯзгори ҷавонӣ раҳо,

Ба кирдори некони яздонпараст
Бипӯям ба пову биёзам ба даст.

1. Л-б. 1071, 1072 нест.
2. М-ғам.
3. ЛМ-ранҷу.

www.sattor.com

Ба сони парастор пеши каён
Ба подоши некат[*1] бубандам миён.

Кунун ин яке ранҷ бардор низ,
К-аз ин ранҷ ёбӣ басе ганҷу чиз».

Манижа ба ҳезум шитобид сахт,
Чу мурғон баромад ба шохи дарахт.

Ба хуршед - бар чашму ҳезум ба бар,
Ки то кай барорад шаб аз кӯҳ сар.

Чу аз чашм хуршед шуд нопадид,
Шаби тира бар кӯҳ лашкар[*2] кашид

Бад-он гаҳ ки ором гирад ҷаҳон,
Шавад ошкорои[3] гетӣ ниҳон,

Ки лашкар кашад тирашаб пеши рӯз-
Бигирад сари ҳури гетифурӯз.

Манижа бишуд, оташе барфурӯхт,
Ки чашми шаби қиргунро бисӯхт.

Ба гӯш - андарун бонги рӯинахум,
Ки омад зи раҳ Рахши рӯинасум.[4]

БАРОВАРДАНИ РУСТАМ БЕЖАНРО АЗ ЧОҲ

Таҳамтан бипӯшид румӣ зиреҳ,
Барафканд банди зиреҳро гиреҳ.

1. М-ранҷат.
2. М-бар дашт доман.
3. И-ошкоро зи.
4. И-Ки то кай расад Рахши пӯлодсум.

www.sattor.com

Ба пеши худованди[*1] хуршеду моҳ
Биёмад, варо[*2] кард пушту паноҳ.

Ҳаме гуфт: «Чашми бадон кӯр бод,
Бад-ин кори Бежан маро зӯр бод!»

Ба гурдон бифармуд, то ҳамчунин
Бубастанд бар гирдгаҳ банди кин.

Бар аспон ниҳоданд зини ханданг,
Ҳама ҷангро сохта тез чанг.

Таҳамтан ба рахшанда бинҳод рӯй.[3]
Ҳаме рафт пеш - андарун роҳҷӯй.[4]

Чу омад бари[5] санги Аквон фароз,
Бад-он чоҳи андӯҳу гурму гудоз.[6]

Чунин гуфт Рустам бад-он ҳафт гурд,
Ки «Рӯи заминро бибояд сипурд.[7]

Бибояд шуморо кунун тохтан,
Сари чоҳ аз ин санг пардохтан».[*8]

Пиёда шуданд он сарони сипоҳ,
Ки аз[9] санг пардахта монанд[10] чоҳ.

1. М-додори.
2. М-Ниёиш бад-ӯ.
3. И-ба Рахш андаровард пой.
4. И-раҳнамой.
5. И-бар он.
6. И-Ки Бежан дар он чаҳ буд андар гудоз.
7. Л-ситурд.
8. М-кунон чоратон сохтан.
9. И-он.
10. И-монад зи.

www.sattor.com

Бисуданд бо санг бисёр[1] чанг,
Шуда монда гурдону осуда санг.

Чу аз номдорон биполуд хай,
Ки санг аз сари чоҳ нанҳод пай.

Зи асп андаромад гави шери нар,
Зиреҳдоманашро бизад бар камар.

Зи Яздони зӯрофарин зӯр хост,
Бизад дасту он санг бардошт рост.

Бияндохт бар бешаи шаҳри Чин,
Биларзид*[2] аз он санг рӯи замин.[3]

Зи Бежан бипурсиду нолид зор,
Ки «Чун буд корат ба бад рӯзгор?

Зи гетӣ ҳама нӯш будит баҳр,
Зи дасташ чаро бистадӣ ҷоми захр?»

Чунин*[4] гуфт Бежан зи торик чоҳ,
Ки «Чун буд бар паҳлавон ранҷи роҳ?

Маро чун хурӯши ту омад ба гӯш,
Ҳама заҳри гетӣ шудам пок нӯш.

Бад-ин сон, ки бинӣ маро хонумон
Зи оҳан замину зи санг осмон.

1. И-Ба санг андаровард ҳар ҳафт.
2. М-Ки ларзид.
3. И - Бияндохт он сангу ларзид кӯҳ,
Наёмад аз он санг бар (ӯ) сутӯҳ.
Ба нерӯи Яздон бикӯшид мард,
Сари чоҳ букшоду овоз кард.
4. М-Бад-ӯ.

www.sattor.com

Бикандем дил[1] з-ин сарои сипанҷ
Зи бас дарду сахтиву андӯҳу ранҷ».

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Бар ҷони ту
Бубахшуд бахшанда Яздони[*2] ту.[3]

Кунун, эй хирадманди фархундахӯй,[4]
Маро монда аз ту яке орзӯй,

Ба ман бахш Гургини Милодро,
Зи дил дур кун кину[5] бедодро».

Бад-ӯ гуфт Бежан, ки «Эй ёри ман,
Чӣ[6] донӣ,[*7] ки чун буд пайкори[8] ман?

Надонӣ, ту, эй меҳтари шермард,
Ки Гургини Милод бо ман чӣ кард?

Гар ояд бар ӯ-бар ҷаҳонбини ман,
Бад-ӯ растахез ояд аз кини ман».

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Гар бадхувӣ
Бисозиву гуфтори ман нашнавӣ,

Бимонам туро баста дар чоҳ пой,
Ба асп[*9] андарорам, шавам боз ҷой».

1. М-Бикандам дилам.
2. М-равшан ҷаҳонбони.
3. И-пас аз б. 1112 ин б. омада:
   Аз ӯ дону аз кас мапиндор ин,
   Ки бахшуд бар ту ҷаҳонофарин.
4. Л-озодхӯй.
5. И-ҷангу.
6. И-ту.
7. М-Надонӣ.
8. И-кирдори.
9. М-Рахш.

www.sattor.com

Чу гуфтори Рустам расидаш ба гӯш,
Аз он тангзиндон баромад хурӯш.[1]

Ба посух бад-ӯ гуфт:[*2] «Бадбахт ман
Зи гурдону аз дудаву анҷуман.

Зи Гургин чунин бад, ки бар ман расид,
Бад-ин рӯз низам бибояд кашид.

Кашидему гаштем хушнуд аз ӯй,
Зи кина дили ман биёсуд аз ӯй».

Фурӯ ҳишт Рустам ба зиндон каманд,
Баровардаш аз чоҳ бо пойбанд.

Бараҳна тану[*3] мӯю нохун дароз,
Гудозанда аз дарду ранҷу ниёз.

Ҳама тан пур аз хуну рухсор[4] зард,
Аз он банду занҷири зангорх(в)ард.

Хурӯшид Рустам чу ӯро бидид,
Ҳама тан дар оҳан шуда нопадид.

Бизад дасту бугсист занҷиру банд,
Ҷудо кард аз ӯ ҳалқаву пойбанд.

Сӯи хона рафтанд аз он чоҳсор,
Ба як даст Бежан ба дигар завор.

Пур аз ғам нишастанд ҳарду ҷавон,
Ҳаме[*5] ёд карданд бар паҳлавон.

---

1. Л-б. 1118-1120 нест.
2. М-Чунин дод посух, ки.
3. М-Сару.
4. Л-рухсора.
5. М-сухан.

www.sattor.com

Таҳамтан бифармуд шустан сараш,
Яке ҷома пӯшид нав дар бараш.

Аз он пас чу Гургин ба наздики ӯй
Биёмад, бимолид бар хок рӯй.

Зи кирдори бад пӯзиш овард пеш,
Бупечид аз он хом гуфтори[1] хеш.

Дили Бежан аз кинаш омад ба роҳ,
Мукофот н-овард пеши гуноҳ.

1135 Шутур бор карданду аспон ба зин,
Бипӯшид Рустам силеҳи гузин.

Нишаст аз бари Рахшу номоварон
Кашиданд шамшеру гурзи гарон.

Гусӣ кард бору баророст кор,
Чунон чун бувад дархури корзор.

Бишуд бо буна Ашкаши тезҳуш,
Ки дорад сипаҳро ба ҳар ҷой гӯш,[2]

Ба Бежан бифармуд Рустам,[*3] ки «Шав
Ту бо Ашкашу бо Манижа бирав,

1140 Ки ман имшаб аз кини Афросиёб
На ором ёбам, на хӯрду на хоб.

Яке кор созам кунун бар дараш,
Ки фардо бихандад бар ӯ лашкараш[4]

---

1. Л-кирдори.
2. ТПЗ - Ба пеш - андарун корвони буна,
Сипоҳӣ ба наздики ӯ яктана.
3. М-Чунин гуфт Рустам ба Бежан.
4. ТПЗМ- Кунам рӯзи равшан бар ӯ-бар сиёҳ,
Сарашро бибуррам, барам назди шоҳ.

www.sattor.com

Басе ранҷ дидӣ ту аз банду чоҳ,
Набояд-т будан бад-ин размгоҳ»[1]

Чунин гуфт Бежан: «Манам пешрав,
Ки аз ман яке кина созид нав».[2]

ШАБЕХУН КАРДАНИ РУСТАМ ДАР АЙВОНИ АФРОСИЁБ

Бирафтанд бо Рустам ин ҳафт гурд,
Буна Ашкаши тезҳушро супурд.[*3]

Инонро фиканданд бар пеши зин,
Кашиданд гурдон ҳама теғи кин.

Бишуд то ба даргоҳи Афросиёб
Ба ҳангоми осоишу гоҳи хоб.

Бизад дасту бугсист мисмору банд,
Чу шери жиён хештанро фиканд.[4]

Баромад зи ҳар сӯ яке дору гир,
Дурахшидани теғу борони тир.

Саронро ҳама сар ҷудо шуд зи тан,
Пур аз хок чангу пур аз хун даҳан.

Зи даҳлези ӯ Рустам овоз дод,
Ки «Хоби хушат бар ту носоз[5] бод!

Ту шав бо Манижа, ки ман растахез
Зи Турон барорам ба шамшери тез.

1. Л-б. 1112 нест.
ТПЗ- Чу Бежан зи Рустам шунид ин сухан,
Ки «Рав бо Манижа сӯи анҷуман.
2. ТПЗМ- Ту донӣ, Таҳамтан, ки ман Бежанам,
Ялонро ҳама сар зи тан барзанам.
3. М-б. 1144 нест.
4. Л-дарфиганд.
5. Л-носоз.

www.sattor.com

Бихуфтӣ ту бар гоҳу Бежан ба чоҳ,
Магар бора дидӣ зи оҳан ба роҳ?

Манам Рустами зобулӣ - пури Зол,
На ҳангоми хоб асту гоҳи ниҳол.

Шикастам дару банду зиндони ту,
Ки санги гарон буд нигаҳбони ту.

Раҳо шуд сару пои Бежан зи банд,
Ба домод-бар кас наёрад газанд.

Туро разму кини Сиёвахш бас,
Дар ин дашт гарди паи Рахш бас,

Ки бар ҷони Бежан гирифтӣ шитоб,
Дилат хира бинам ҳаме сар ба хоб».

Чунин ҳам[*1] баровард Бежан хурӯш,
Ки «Эй турки бадгавҳари хираҳуш,[2]

Барандеш аз он тахту фархунда ҷой,
Маро баста дар пеш карда ба пой.

Ҳаме разм ҷустам ба сони паланг,
Маро даст бастӣ ба кирдори санг.

Кунунам кушода ба ҳомун бубин,
Ки бо ман наҷӯяд жиёншер кин».[3]

---

1. М-Аз он пас.
2. Л-тираҳуш.
3. И-б. 1117-1160 нест;
   ТПЗМ- Чу бишнид Афросиёб ин сухан,
   Бад-ӯ тоза шуд андуҳони куҳан.

www.sattor.com

Бизад бонг дар хона[1] Афросиёб,
Ки «Размоваронро бубастаст[2] хоб.

Бар эшон зи ҳар сӯ бигиред роҳ,
Кӣ ҷӯяд нигину кӣ ҷӯяд[*3] кулоҳ».[4]

Зи ҳар сӯ хурӯши такопуй хост,
Зи хун рехтан бар дараш ҷӯй хост.

Ҳар он кас, ки омад зи туронсипоҳ,[5]
Замона тиҳӣ монд[6] аз ӯ ҷойгоҳ.

Гирифтанд бар киначустан шитоб,
Аз он хона бугрехт Афросиёб.

Ба кох андаромад худованди Рахш,
Ҳама фаршу дебои[7] ӯ кард пахш.

Паричеҳрагони сипаҳбадпараст
Гирифта ҳаме дасти гурдон ба даст.

Гаронмоя аспон ба зини хаданг,
Нишонда гуҳар дар ҷуноҳи паланг.

Аз айвони солор[8*9] бастанд бор,
Ба Турон накарданд бас рӯзгор.

---

1. ИЛ-даст бар ҷома.
2. И-ҷанговаронро бибурдаст; Л-бибурдаст.
3. М- Кӣ ҷӯяд зи гурдон нигину
   Ҳар он кас, ки омад зи даргаҳ ба роҳ.
4. ТПЗЛ- Зи лашкар ҳар он кас, ки он ҷо шуданд,
   Ҳама кушта ё ҷаста* боз омаданд.
   * Л-куштаву хаста.
5. И-Зи Турон ҳар он кас, ки омад ба роҳ.
6. И-кард.
7. И-ганҷу дунори; ЛМ-олотӣ
8. И-айвон бибурданд.
9. М-Аз он ҷо бирафтанду.

www.sattor.com

Зи баҳри буна тохт аспон ба зӯр,
Бад-он, то нахезад аз он кор шӯр.

Чунон ранҷа шуд Рустам аз ранҷи роҳ,
Ки бар сар-ш-бар ранҷ буд аз кулоҳ.

Саворон зи бас ранҷу аспон зи таг,
Якеро зи тан барнаҷунбид раг.[1]

Ба лашкар фиристод Рустам паём,
Ки шамшери кин баркашед аз ниём,

Ки «Ман бегумонам, к-аз ин пас ба кин
Сиёҳ гардад аз сумми аспон замин.

Гашан лашкаре созад Афросиёб,
Ки пӯшад ба найза рухи офтоб».

Бирафтанд яксар саворони ҷанг,
Ҳама ҷангро сохта тез[*2] чанг.

Ҳама найзадорон зидуда синон,
Ҳама[3] ҷангро гирд карда инон.

Нигаҳбони дида баромад зи дур,
Ҳаме дид роҳи саворони Тур.

Манижа нишаста ба хайма - дарун,
Парастанда дар пеш бо раҳнамун.

Ҳаме[*4] достон зад Таҳамтан бар ӯй,
Ки «Гар мушк резад, нарезад-ш бӯй.

1. Л-б. 1192 нест.
2. М-тез карданд.
3. Л-Ҳаме.
4. М-Яке.

www.sattor.com

Чунин аст расми сарои сипанҷ,
Гаҳе нозу нӯшу гаҳе дарду ранҷ».

ОМАДАНИ АФРОСИЁБ БА ҶАНГИ РУСТАМ

Чу хуршед барзад сар аз кӯҳсор,
Саворони Турон бубастанд бор.

Битавфид шаҳру баромад хурӯш,
Ту гуфтӣ ҳаме кар шуд аз наъра гӯш.

Ба даргоҳи Афросиёб омаданд,
Камарбастагон*[1] бар дараш саф заданд.

1185 Бузургони Турон кушода камар,
Ба пеши сипаҳдор бар хок сар,[2]

К-Аз андоза бугзашт моро сухун,
Чӣ афканд бояд[3] бар ин кор бун,

Ки моро аз ин ҷанг то[4]*[5] ҷовидон
Бимонад зи кирдори Бежан нишон.[6]

Ба Эрон ба мардон нахонандамон,
Занони камарбаста донандамон».

Барошуфт меҳтар ба сони паланг,
Аз он нангро соз фармуд ҷанг.

---

1. М-Парастандагон.
2. ТПЗИЛ- Ҳама яксара ҷангро сохта,
   Дил аз буму аз ҷой пардохта.
3. ТПЗИЛ - Ҳама ҷангро* пок баста миён,
   Ҳама дил пур аз кини эрониён.
   * Л-маргро; Л-сӯгро.
4. Л-хоҳӣ.
5. М-К-аз ин нанг бар шоҳ то.
6. Л-К-аз ин нанг бар шоҳи мо.

www.sattor.com

Ба Пирон бифармуд, то баст кӯс,
Ки «Бар мо зи Эрон ҳамин бас[*1] фусӯс»[2]

Бизад нои рӯин ба даргоҳи шоҳ,
Бичӯшид дар шаҳри Турон сипоҳ.

Ялон саф кашиданд пеши[3] сарой,[*4]
Хурӯш омад аз бӯқу ҳиндидарой.

Сипоҳе зи Турон бар он марз ронд,
Ки рӯи замин ҷуз ба дарё намонд.

Чу аз дидагоҳ дидабон бингарид,
Заминро чу дарёи ҷӯшанда дид.

Бари Рустам омад, ки бипсеч кор,
Ки гетӣ сияҳ шуд зи гарди савор.

Бад-ӯ гуфт: «Мо з-ин[5] надорем бок,
Ҳаме[6] ҷангро барфишонем хок».

Буна бо Манижа гусӣ карда бор,
Бипӯшид худ ҷомаи[7] корзор.

Ба боло баромад, сипаҳ бингарид,[8]
Хурӯше чу шери жиён баркашид.

Яке достон зад савори далер,
Ки «Рӯбаҳ чӣ санҷад ба чанголи шер?!»

---

1. М-К-аз он кораш омад шигифту.
2. Л-Нобихрадон.
3. И-пас аз б. 1190 ин б. омада:
   Баромад зи даргоҳ овози кӯс,
   Ҷаҳон шуд зи гарди сипаҳ обнус.
4. М-чун дид рой.
5. ИЛ-бар дар.
6. ИМ-Рустам.
7. И-ҷавшани.
8. И-сипаҳро бидид.

www.sattor.com

Ба гурдони ҷанговар овоз кард,
Ки «Пеш омад имрӯз нанги[*1] набард.

Куҷо теғу ҷӯпини оҳангузор?
Куҷо найзаву гурзаи говсор?

Ҳунарҳо кунун[2] кард бояд падид,
Бад-ин дашт кина бибояд кашид».

Баромад хурӯшидани каррной,
Таҳамтан ба Рахш андаровард пой.

Аз он кӯҳ Рустам ба ҳомун кашид,
Чу лашкар ба танг андаромад падид.

Кашиданд лашкар бар он паҳнҷой,
Зи ҳар сӯ бубастанд аз оҳан сарой.

Биёрост Рустам яке размгоҳ,
Ки аз гарди аспон ҷаҳон шуд сиёҳ.[3]

Абар маймана Ашкашу Густаҳам,
Саворони бисёр бо ӯ ба ҳам.

Чу Руҳҳому чун Занга бар майсара,
Забун дошт он[*4] ҷангро яксара.

Худу Бежани Гев дар қалбгоҳ -
Нигаҳбони гурдону пушти сипоҳ.

Паси пушти лашкар кӯҳи Бесутун
Ҳисоре зи шамшер пеш - андарун.

1. М-ин рӯзгори.
2. ИЛ-ҳама.
3. Л-б. 1206 нест.
4. М-Биёроста ҷангро.

www.sattor.com

Чу Афросиёб он сипаҳро бидид,
Ки солорашон Рустам омад падид.

Ғамӣ гашту пӯшид[1] хафтони ҷанг,
Сипаҳро бифармуд кардан диранг.

Баробар ба оин сафе баркашид,
Ҳаво нилгун шуд, замин нопадид.

Чапи лашкарашро ба Пирон супурд,
Сӯи маймана[*2] рафт[3] Ҳумони гурд.

Ба Гарсевазу Шеда қалби сипоҳ
Супурду ҳаме кард ҳар сӯ нигоҳ.

Таҳамтан ҳаме гашт гирди сипоҳ,
Аз оҳан ба кирдори кӯҳи сиёҳ.[4]

Фиғон кард, к-«Эй турки шӯридабахт,
Ки нанги ту бар кишвару тоҷу тахт.

Туро чун саворон дили ҷанг нест,
Зи гурдони лашкар туро нанг нест,

Ки чандин ба пеши ман ой ба кин,
Ба мардону аспон бипӯшӣ замин.

Чу дар ҷанг лашкар шавад тезҷанг,
Ҳама пушт бинам туро сӯи ҷанг.

Зи Дастон ту нашнидӣ ин достон,
Ки баргӯяд аз гуфтаи бостон,[*5]

1. Л-шуд, бипӯшид.
2. М-Сӯи росташ.
3. Л-низ.
4. ТПЗИ - Барангехт аз ҷой Рустам сутур,
Биёмад ба наздики солори Тур.
5. М-Ки орад ба ёд аз гаҳи.

www.sattor.com

Ки «Шере натарсад зи як дашт гӯр,
Натобад фаровон ситора[*1] чу ҳур.

Бидаррад дилу гӯши ғурми сутург,
Агар бишнавад номи чанголи гург.[2]

На рӯбаҳ шавад з-озмудан далер,
На гӯрон бисоянд чанголи шер.

Чу ту кас сабуксор хусрав мабод,
Чу бошад, диҳад подшоҳӣ ба бод.

Бад-ин дашту ҳомун ту аз дасти ман
Раҳоӣ наёбӣ ба ҷону ба тан».

ШИКАСТ ЁФТАНИ АФРОСИЁБ АЗ ЭРОНИЁН

Чу ин гуфта бишнид турки дижам,
Биларзиду барзад яке тез дам.

Барошуфт, к-«Эй номдорони Тур,
Бад-ин дашт ҷанг аст ё базму сур?

Бибояд кашидан бад-ин кор ранҷ,
Ки бахшам шуморо аз ин ранҷ ганҷ».[3]

Чу гуфтори солор карданд[*4] гӯш,
Зи гурдони лашкар баромад хурӯш.

1. М-Ситора натобад ҳазорон.
2. ТПЗИЛ - Чу андар ҳаво боз густард пар,
Битарсад зи чанголи ӯ кабки нар.
3. Л-б. 1228, 1229 нест;
ТПЗ- Бикӯшеду якбора ҷанг оваред.
Ҷаҳон бар бадандеш танг оваред.
4. М-Солорашон шуд ба.

www.sattor.com

Чунон тирагун шуд зи гард офтоб,
Ки гуфтӣ ҷаҳон ғарқ шуд[1] андар[*2] об.

Фурӯ кӯфт[*3] бар пил рӯинаҳум,
Дамиданд шайпур бо говдум.

Зи ҷавшан яке бораи оҳанин-
Кашиданд гурдон дар он дашти кин.

Бичунбид дашту битавфид кӯҳ,
Зи бонги саворони ҳар ду гурӯҳ.

Дурахшон ба гард - андарун теғи тез,
Ту гуфтӣ баромад ҳаме растахез.

Ҳаме гурзи пӯлод ҳамчун тагарг
Биборид бар ҷавшану хӯду тарг.

В-аз он Рустами аждаҳофаш дурафш
Шуда рӯи хуршеди тобон бунафш.

Бипӯшид рӯи ҳаворо ба тир,[*4]
Ба хуршед гуфтӣ барандуд қир[*5]

Ба ҳар сӯ ки Рустам барафканд Рахш,
Сарони саворон ҳаме кард пахш.

Ба чанг - андарун гурзаи говсор,
Ба сони ҳаюни гусистамиҳор.

Зи қалб андаромад ба кирдори гург,
Пароканда кард он сипоҳи бузург.

---

1. Л-Ту гуфтӣ ҳаме ғарқ монд.
2. М-Ту гуфтӣ ҷаҳон монд ғарқа дар.
3. М-бибастанд.
4. М-Ҳаво гарди пил.
5. М-Нил.

www.sattor.com

Сарони саворон чу барги дарахт
Фурӯ рехт аз боду баргашт бахт.[1*2]

Баромад чу бод Ашкаш аз дасти рост,
Зи Гарсевази[3] теғзан кина хост.

Чу Гургину Фарҳоду Руҳҳоми гурд
Чапи лашкари шоҳи Турон бибурд.

1245 Ба қалб - андарун Бежани тезҷанг
Ҳаме базмгоҳ[*4] омадаш ҷои ҷанг.[*5]

Ҳама размгаҳ сар ба сар ҷӯи хун,
Дурафши сипаҳдори Турон нагун.

Ҷаҳондор чун бахт баргашта дид,
Далерони Турон ҳама кушта дид.

Бияфканд шамшери ҳиндӣ зи даст,
Яке аспи осударо барнишаст.

---

1. ТПЗИ- Ба гурдон чунин гуфт, к-«Эй сарварон,
Саворони Эрону ҷанговарон!
Шитобед бар ҷангу барҳам диҳед.
Саронро зи хун бар сар афсар ниҳед*,
Ки имрӯз ҳангоми кин ҷустан аст,
Ҷаҳонро зи аҳриманон шустан аст.
Ҳаме зӯри гурдӣ ба ҷой оваред,
Ҷаҳонро зи мардӣ ба пой оваред.
Бикӯшед имрӯз, эй сарварон,
Ки то ҳаст, гетӣ нагардад ниҳон».
Чу гурдони гарданкаш аз Таҳмтан
Шуниданд з-он сон ба мардӣ сухан.
* И-ду байти аввал дида нашуд.
2. М-б. 1242 нест.
3. ИЛ-Гаршевазн.
Сари сарварон ҳамчу барги дарахт
Фурӯ рехт аз боду баргашт бахт.
4. М-орзу.
5. М-Пас б. 1245 омада.

www.sattor.com

Худу саркашон сӯи Турон шитофт,
К-аз эрониён коми кина наёфт.

Бирафт аз пасаш Рустами шергир,
Биборид бар лашкараш гурзу тир.

Ду фарсанг чун аждаҳои дижам,
Ҳаме мардум оҳехт[*1] гуфтӣ ба дам.

Саворони ҷангӣ зи Турон ҳазор
Гирифтанд зинда пас аз[*2] корзор.

Ба лашкаргаҳ омад аз ин размгоҳ,
Ки бахшиш кунад хоста бар сипоҳ.

Бубахшиду бар пил бинҳод бор,
Ба пирӯзӣ омад бари[*3] шаҳрёр.

БОЗ ОМАДАНИ РУСТАМ ПЕШИ КАЙХУСРАВ

Чу огоҳӣ омад ба шоҳи далер,
Ки аз беша пирӯз баргашт шер,

Ки Бежан шуд аз банду зиндон раҳо,
Зи дасти бадандеш нараждаҳо.

Сипоҳе зи Турон ба ҳам баршикаст,
Ҳама комаи душманон кард паст.

Зи шодӣ ба пеши ҷаҳонофарин
Биёмад, бимолид рух бар[*4] замин.

---

1. М-Ҷаҳоне ҳаме сӯхт.
2. М-Гирифта асир аз паси.
3. М-Сӯи.
4. М-Бимолид чанде рух андар.

www.sattor.com

Чу Гударзу Гев огаҳӣ ёфтанд,
Сӯи шоҳи пирӯз биштофтанд.

Баромад хурӯшу биёмад сипоҳ,
Табиразанон баргирифтанд роҳ.

Даманда[1] дамон говдум бар дараш,
Баромад хурӯшидан аз лашкараш.

Сияҳ карда майдонаш аспон ба сум,
Ҳама шаҳр овои рӯинахум.

Гурозон саворон[*2] дамону данон,
Ба дандон замин жандапилон канон.

Ба пеши сипоҳ - андарун бӯқу кӯс,
Дурафш аз паси пушти Гударзу Тус.

Ба як даст барбаста шеру паланг
Ба занҷиру дигар саворони ҷанг.

Пазира сӯи паҳлавони сипоҳ,
Бад-ин гуна фармуд пирӯз[*3] шоҳ.

Бирафтанд лашкар гурӯҳогурӯҳ,
Замин шуд зи гурдон[*4] ба кирдори кӯҳ.

Чу омад ба дидор аз анбӯҳ нев,
Пиёда шуд аз асп Гударзу Гев.

1. ИЛ-Дамида.
2. М-Ҳама номдорон.
3. М-бедор.
4. М-лашкар.

www.sattor.com

Бад-ин сон бузургони эронсипоҳ[*1]
Пиёда бирафтанд яксар ба роҳ.[*2]

Аз асп андаромад ҷаҳонпаҳлавон,
Парастиш намуданд пиру ҷавон.[3]

Бар ӯ офарин кард Гударзу Гев,
Ки «Эй номбардор солори нев!

Туро ҷовидон бод Яздон паноҳ,
Ба коми ту гарданда хуршеду моҳ.

Далер аз ту гардад ба ҳар ҷой шер,
Сипеҳр аз ту ҳаргиз магардод сер.

Ҳама банда кардӣ ту ин дударо,
Зи ту ёфтам пури гумбударо.[4]

Зи дарду ғамон растагони туем,
Ба Эрон камарбастагони туем».

Бар аспон нишастанд яксар меҳон,
Гурозон ба даргоҳи шоҳи[5] ҷаҳон.

Чу наздики шаҳри ҷаҳондор шоҳ
Фароз омад он гурди лашкарпаноҳ,

Пазира шудаш шаҳрёри[6] ҷаҳон,
Нигаҳдори гурдону тоҷи меҳон.[7]

---

1. М-Саросар бузургони Эронзамин.
2. М-боофарин.
3. ИЛМ-Ба пурсидани ранҷида гавон.
4. И-б. 1274 нест.
5. И-бари шаҳриёри.
6. И-номдори.
7. И-Сипаҳдори Эрону шоҳи замон.
*4 М-пушти гавон.

www.sattor.com

Чу Рустам ба фарри[*1] ҷаҳондор шоҳ
Нигаҳ кард, к-омад пазира ба роҳ,

Пиёда шуд аз аспу бурдаш[*2] намоз,
Ғамӣ гашта аз ранҷу роҳи дароз.

Ҷаҳондор хусрав гирифташ ба бар,
Ки «Эй пушти мардиву ҷони ҳунар,[3]

Ба хуршед монад ҳама кори ту,
Ба гетӣ пароканда[*4] кирдори ту.[5]

Таҳамтан сабук дасти Бежан гирафт,[*6]
Чунон к-аш зи шоҳу падар панд рафт,[*7]

Биёварду биспурду бар пой хост,
Чунон пушти хаммидаро кард рост.

В-аз он пас асирони Турон ҳазор
Биёвард баста бари шаҳрёр.

Бар ӯ офарин кард Хусрав ба меҳр,
Ки «Ҷовид бодо ба комат сипеҳр[8]

---

1. М-Дурафши.
2. М-шуду бурд пешаш.
3. Л-Ҳаме гуфт, к-«Эй паҳлави пурҳунар»;
   И-Ки эй марди динору тоҷу гуҳар.
4. М-Ба ҳар ҷой мардиву.
5. ТП - Зи теғи ту холӣ мабодо ҷаҳон,
   Ҳамеша туро баста бодо миён!
6. М-гирифт.
7. М-Чунон ки зи шоҳу падар буд шигифт.
8. ТПМ - Туӣ паҳлавон, меҳтари пурҳунар,
   Ҳамеша ба пеши бадиҳо сипар.

www.sattor.com

Сарат сабз боду дилат шодмон,
Тани пок[1] дур аз бади бадгумон.[2]*[3]

Хунук Зол, к-аш бугзарад рӯзгор,
Бимонад ба гетӣ чу ту[4] ёдгор.

Хуҷаста бару буми Зобул,[5] ки шер,
Ҳаме парваронад гавони[6] далер.

Хушо шаҳри Эрону фаррухгавон,
Ки доранд чун ту яке паҳлавон.

В-аз ин ҳар се бартар сари бахти ман,
Ки чун ту парастад ҳаме тахти ман.

Туӣ тоҷи Эрону пушти меҳон,
Нахоҳем бе ту замоне ҷаҳон».[7]

Ба Гев он гаҳе гуфт шоҳи ҷаҳон,
Ки «Нек аст бо кирдгорат ниҳон,

Ки бар дасти Рустам ҷаҳонофарин
Ба ту дод пирӯз пури гузин».

Ҳаме офарин кард[8] бар шаҳрёр,
Ки «Шодон[9] бизӣ, то бувад рӯзгор![10]

---

1. Л-Зол.
2. И-б. 1287 нест.
3. М-Ки бе ту нахоҳам замину замон.
4. Л-туро.
5. И-Зовул.
6. Л-ялони.
7. ТПЗЛ- Ҳамон Нимрӯз аз ту холӣ мабод,
Ки чун ту надидаст гетӣ ба ёд*,
8. ИМ-Гирифт офарин Гев.
9. И-хуррам.
10. ТПЗЛ - Заминро бибӯсид Геви далер,
Ки гетӣ мабодо зи рои ** ту сер.

www.sattor.com

Ба Рустам сарат ҷовидон сабз бод,
Дили Золи фаррух бад-ӯ бод шод!»

ҶАШН ОРОСТАНИ ХУСРАВ

Бифармуд Хусрав, ки бинҳанд[1] хон,
Бузургони воломанишро[2] бихон.

Чу аз хони солор бархостанд,
Нишастангаҳи май биёростанд -

Фурӯзандаи маҷлису майгусор,
Навозандаи чанг бо гӯшвор.

Ҳама бар сарон афсарони гарон,
Ба зар - андарун пайкар аз гавҳарон,

Ҳама рух чу[*3] дебои румӣ ба ранг,
Хурӯшон зи чанги паризода чанг,

Табақҳои заррин пур аз мушки ноб,
Ба пеш - андарун обгири гулоб -

Ҳаме тофт аз фарри шоҳаншаҳӣ
Чу моҳи дуҳафта зи сарви саҳӣ.

Ҳама паҳлавонони хусравпараст
Бирафтанд аз айвони солор маст.

Ба шабгир Рустам биёмад ба дар
Кушодадилу танг баста камар.

Ба дастурии бозгаштан ба ҷой,
Ҳаме зад ҳушивор бо шоҳ рой.

1. И-бинҳед.
2. ИМ-бартарманишро.
3. М-Рухон ҳамчу.

www.sattor.com

Яке даст ҷома бифармуд шоҳ
Гуҳарбофта бо қабову кулоҳ.

Яке ҷоми пургавҳари шоҳвор,
Сад аспу сад уштур ба зину ба бор,

Ду панҷа парирӯй баста камар,
Ду панҷа парастор бо тавқи[*1] зар -

Ҳама пеши шоҳи ҷаҳонкадхудой
Биёварду карданд яксар ба пой.

Ҳама Рустами Зобулиро[2] супурд,
Заминро бибӯсиду барҷаст гурд.

Ба сар барниҳод он кулоҳи каён,
Бубаст он каёнӣ камар бар миён.

Абар шоҳ кард офарину бирафт,
Раҳи Систонро бисечид тафт.

Бузургон, ки буданд бо ӯ ба ҳам
Ба ранҷу ба ҷангу ба шодиву ғам,

Бар андозашон як ба як ҳадя дод,
Аз айвони хусрав бирафтанд шод.

Чу аз кори гурдон бипардохт шоҳ,
Ба ором биншаст дар пешгоҳ.

Бифармуд, то Бежан омад ба пеш,
Сухан гуфт[3] аз он ранҷу тимори хеш.

1. М-тоҷи.
2. И-Зовулиро.
3. И-ронд.

www.sattor.com

Аз он тангзиндону[*1] он корзор
Фаровон сухан ронд бо шаҳрёр.

Ҳамон[*2] гардиши рӯзгорони бад,
Ҳама достон пеши хусрав бизад.

Бибахшиду[*3] бахшоиш овард сахт,
Зи дарду ғами духти гумбуда бахт.

Бифармуд сад ҷома дебои рум,
Ҳама пайкараш гавҳару зар-ш бум.

Яке тоҷу даҳ бадра динор низ,
Парастандаву фаршу[*4] ҳар гуна чиз.

Ба Бежан бифармуд, к-«Ин хоста
Бубар сӯи[*5] духти[6] равонкоста.

Ба ранҷаш мафарсою сардаш магӯй,
Нигар, то чӣ овардӣ ӯро ба рӯй.

Ту бо ӯ ҷаҳонро ба шодӣ гузор,
Нигаҳ кун бар ин гардиши рӯзгор.

Якеро барорад ба чархи баланд,
Зи тимору дардаш[*7] кунад бегазанд.

В-аз он ҷош гардун барад сӯи[*8] хок,
Ҳама ҷои тарс асту тимору бок.

1. М-банду зиндону.
2. М-чи аз.
3. М-Бипечиду.
4. М-аспу.
5. М-назди.
6. ИЛ-турки.
7. М-андӯҳу ранҷаш.
8. М-зери.

www.sattor.com

Ҳамонро, ки парварда дар бар ба ноз,
Дарафканд хира ба чоҳи ниёз.

Якеро зи чоҳ оварад сӯи гоҳ,
Ниҳад бар сараш-бар зи гавҳар кулоҳ.

Ҷаҳонро зи кирдори бад[1] шарм нест,
Касеро ба наздикаш[2] озарм нест.

Ҳамеша ба ҳар неку бад дастрас,
Валекин наҷӯяд худ ором кас.[3]

Чунин аст кори сипанҷӣ сарой,[*4]
Баду некро ӯ бувад раҳнамой.

Зи баҳри дирам то набошӣ бадард,
Беозор беҳтар дили родмард.[5]

Тамомӣ бигуфтам ман ин достон,
Бад-он сон, ки бишнидам аз бостон.[6]

Чу аз кори Бежан бипардохтам,
Зи Гударзу Пирон сухан сохтам.

---

1. И-Зи кирдори бад бо ҷаҳон.
2. И-Ба наздики вай меҳру.
3. И-б. 1331 нест.
4. М-расми сипанҷи сарой.
5. И-Ки бедард беҳтар дилозодамард;
   ТПЗЛ- Зи баҳри дирам тунду бадхӯ мабош,
   Ту бояд, ки бошӣ, дирамгӯ мабош.
   Касе, к-ӯ ба ганҷу дирам нангарад,
   Ҳама рӯзи ӯ бар хушӣ бугзарад.
6. И-б. 1334 нест.

www.sattor.com

ФЕҲРИСТИ ФУСУЛИ ҶИЛДИ ЧАҲОРУМ

Подшоҳии Кайхусрав. Достони Комуси Кашонӣ. Оғози достон 5
Хор кардани Хусрав Тусро 7
Омурзиш кардани Хусрав эрониёнро 11
Фиристодани Хусрав Тусро ба Турон..14
Пайғоми Пирон ба лашкари Эрон 17
Сипоҳ фиристодани Афросиёб ба наздики Пирон.......................................20
Куштани Тус Аржангро 23
Ҷанги Ҳумон бо Тус 25
Ҷанги дувуми эрониён ва турониён...35
Ҷодуӣ кардани турониён бар сипоҳи Эрон 42
Рафтани эрониён ба кӯҳи Ҳамован 48
Гирд кардани туронсипоҳ кӯҳи Ҳамованро 51
Омадани Пирон аз паи эрониён ба кӯҳи Ҳамован 59
Шабехун кардани эрониён 63
Огоҳӣ ёфтани Кайхусрав аз кори сипоҳ...71
Ба занӣ хостани Фарибурз Фарангис-модари Кайхусравро 78
Дидани Тус Сиёвушро ба хоб 84
Фиристодани Афросиёб Хоқон ва Комусро ба ёрии Пирон 88
Омадани хоқони Чин ба Ҳамован 93
Рой задани эрониён дар кори худ 96
Огоҳӣ ёфтани Гударз аз омадани Рустам..98
Рафтани хоқони Чин ба дидани лашкари Эрон 105
Расидани Фарибурз ба кӯҳи Ҳамован 111
Рой задани Пирон бо хоқони Чин 113
Разм кардани Гев ва Тус бо Комус 120
Расидани Рустам назди эрониён 125
Лашкар оростани турониён ва эрониён 131
Размi Рустам бо Ашкбӯс...140
Пурсидани Пирон аз омадани Рустам...147
Лашкар оростани турониён ва эрониён 152
Кушта шудани Алво ба дасти Комус 156
Кушта шудани Комус ба дасти Рустам 159

www.sattor.com

Достони Рустам бо хоқони Чин.
Хабар ёфтани хоқон аз кушта шудани Комус 163
Рафтани Чингиш ба (ҷанги) Рустам 166
Фиристодани хоқон Ҳумонро назди Рустам....................................170
Рой задани Пирон бо Ҳумон ва Хоқон 177
Омадани Пирон назди Рустам 181
Рой задани турониён аз ҷанги эрониён 189
Сухан гуфтани Рустам бо лашкари хеш 199
Лашкар оростани эрониён ва турониён 207
Сарзаниш кардани Рустам бо Пирон 210
Оғози разм....................................214
Разми Шангул бо Рустам ва гурехтани Шангул....................................217
Разми Рустам бо Сова 222
Куштани Рустам Гаҳори Гаҳониро 225
Гирифтор шудани Хоқон 229
Шикаста шудани сипоҳи турониён 237
Хоста бахш кардани Рустам 239
Нома навиштани Рустам ба Кайхусрав 249
Посухи номаи Рустам аз Кайхусрав 254
Огоҳӣ ёфтани Афросиёб аз кори лашкар....................................260
Ҷанги Рустам бо Кофури мардумхор....................................264
Огоҳӣ ёфтани Афросиёб аз омадани Рустам 276
Номаи Афросиёб ба Пӯлодванд 286
Разми Пӯлодванд бо Гев ва Тус....................................292
Разми Рустам бо Пӯлодванд 296
Гуштӣ гирифтани Рустам ва Пӯлодванд....................................302
Гурехтани Афросиёб аз Рустам 308
Бозгаштани Рустам ба даргоҳи шоҳ....................................311
Бозгаштани Рустам ба Систон....................................315
Достони ҷанги Рустам бо Аквондев. Оғози достон 317
Хостани Хусрав Рустамро барои ҷанги Аквондев 318
Ҷустани Рустам девро 323
Андохтани Аквондев Рустамро ба дарё....................................325
Омадани Афросиёб ба дидори аспони хеш ва
куштани Рустам Аквондевро 330
Бозгаштани Рустам ба Эронзамин 334

Достони Бежан бо Манижа. Оғози достон 340
Додхоҳии ирмониён аз Хусрав 343
Рафтани Бежан ба ҷанги гурозон 350
Фиреб додани Гургин Бежанро 353

www.sattor.com

Рафтани Бежан ба дидани Манижа-духтари Афросиёб..............................356
Омадани Бежан ба хаймаи Манижа...362
Бурдани Манижа Бежанро ба кохи худ 363
Бурдани Гарсеваз Бежанро пеши Афросиёб...367
Ҷони Бежан хостани Пирон аз Афросиёб...376
Ба зиндон афкандани Афросиёб Бежанро 383
Бозрафтани Гургин ба Эронизамин ва дурӯғ гуфтан
дар кори Бежан 386
Овардани Гев Гургинро ба назди Хусрав 394
Дидани Кайхусрав Бежанро дар ҷоми гетинамой......................................400
Нома навиштани Хусрав ба Рустам 403
Бурдани Гев номаи Кайхусрав ба нази Рустам...407
Базм сохтани Рустам аз баҳри Гев...413
Омадани Рустам назди Хусрав 416
Базм кардани Кайхусрав бо паҳлавонон 422
Хост кардани Рустам Гургинро аз шоҳ..426
Оростани Рустам лашкари хеш...430
Рафтани Рустам ба шаҳри Хутан ба назди Пирон 433
Омадани Манижа ба пеши Рустам 438
Огоҳӣ ёфтани Бежан аз омадани Рустам...444
Баровардани Рустам Бежанро аз чоҳ 451
Шабехун кардани Рустам дар айвони Афросиёб 457
Омадани Афросиёб ба ҷанги Рустам..461
Шикаст ёфтани Афрсиёб аз эрониён 465
Боз омадани Рустам пеши Кайхусрав 468
Ҷашн оростани Хусрав. 473

www.sattor.com

АБУЛҚОСИМ
ФИРДАВСӢ

ШОҲНОМА

Ҷилди V

ДУШАНБЕ,
«АДИБ»
2008

www.sattor.com

ББК 83,3(0)9+83,3 (2 тоҷик)
А-19

Таҳияи матн ва луғату тавзеҳот аз
КАМОЛ АЙНӢ** ва **ЗОҲИР АҲРОРӢ

Муҳаррир
Мубашшир Акбарзод

А-19 ***Абулқосим Фирдавсӣ*. Шоҳнома**. — Душанбе: «Адиб», 2008. -480 саҳ.

Ба хонандаи азиз чопи севуми “Шоҳнома”-и безаволи Ҳаким Фирдавсӣ, ки бо кӯшиши таҳиягарони матни он омода гаштааст, пешкаш мегардад. Муҳаққиқон дар ин нашр аз нусхаҳои дигари “Шоҳнома” истифода кардаанд, ки ин арзиши корашонро бештар мекунад.

ISBN 978-99947-32-84-5

© Нашриёти "Адиб", 2008.

www.sattor.com

ДОСТОНИ ДУВОЗДАҲ РУХ

ОҒОЗИ ДОСТОН

Ҷаҳон чун ба зорӣ барояд ҳаме,
Баду нек рӯзе сар ояд ҳаме.

Чу бастӣ камар бар дари роҳи оз,
Шавад кори гетит яксар дароз.[1]

Ба як рӯй ҷустан баландӣ сазост,
Агар*[2] дар миёни дами аждаҳост.

Парастандаи озу ҷӯёи кин
Ба гетӣ зи кас нашнавад[3] офарин.

Ва дигар чу гетӣ надорад диранг,
Сарои сипанҷӣ чи паҳну чи танг.

Чу сарви саҳӣ каж бигардад ба боғ,
Бар ӯ-бар шавад тира равшан чароғ.

Шавад барг пажмурдаву бех суст,
Сараш сӯи пастӣ гирояд нахуст.

Барояд зи хоку шавад боз хок,
Ҳама ҷои тарс асту тимору бок.

Сари мояи марди сангу хирад
Ба гетӣ беозорӣ андархурад.

---

1. ТПЗ - Раҳи донишӣ гиру пас ростӣ,
К-аз ин ду нагирад касе костӣ.
2. М- В-агар.
3. Л- наёбад зи кас.

www.sattor.com

Агар худ[1] бимонӣ ба гетӣ дароз,
Зи ранҷи тан ояд ба рафтан ниёз.

Яке жарфдарёст*[2] бун нопадид,
Дари ганҷи розаш надорад калид.

Агар чанд монӣ, фузун боядат,
Ҳамон*[3] хурди[4] як рӯз бугзоядат.

Се чизат бибояд, к-аз ӯ чора нест,
В -аз он низ бар сар-т пайғора нест:

Хурӣ ё бипӯшӣ ва ё густарӣ,
Сазад, гар ба дигар сухан нангарӣ,

К- аз ин се гузаштӣ, ҳама ранҷу оз,
Чи дар оз печӣ, чи андар ниёз?!

Чӣ[5] донӣ, ки бар ту намонад ҷаҳон
Чӣ ранҷонӣ аз оз ҷону равон?![6]

Бихур он чи дориву бешӣ маҷӯй,
Ки аз оз коҳад ҳаме обрӯй.[7]

ДАРХОНДАНИ АФРОСИЁБ СИПОҲРО

Дили шоҳи туркон чунон кам шунуд,
Ҳамеша ба ранҷ аз паи оз буд.[8]

Аз он пас, ки баргашт аз он размгоҳ,
Ки Рустам бар ӯ кард гетӣ сиёҳ.

---

1. Л-Ту.
2. М- паҳн дарёс.
3. М- ҷаҳон.
4. ЛМ-хӯрда.
5. ИЗ-Чу.
6. Л-б. 16 нест.
7. И-б. 17 нест
   Л- Чунин аст ин гунбади тезгард,
   Гаҳе шодмонӣ диҳад, гоҳ дард.
8. ТП- Чу шуд кори Бежан саросар тамом,
   Зи Афросиёб оварам боз ном.

www.sattor.com

Бишуд тозиён, то ба Халлух расид,
Ба нанг аз каён сар шуда нопадид.

Ба кох андаромад пурозор дил,
Або кордонони ҳушёрдил.

Чу*[1] Пирону Гарсевази[2] раҳнамун,
Қарохону чун Шедаву Гарсиюн.

Чу Ҳумону Калбоду Фаршедвард,
Чу Рӯини Пирон- наҳанги набард.[3]*[4]

Бар эшон ҳама достон баркушод,
Гузашта суханҳо ҳама кард ёд,

Ки “То барниҳодам ба шоҳӣ кулоҳ,
Маро гашт хуршеди тобону моҳ.

Маро буд бар меҳтарон дастрас,
Инони маро барнатобид кас.

Зи ҳангоми разми*[5] Манучеҳр боз
Набуд дасти Эрон ба Турон дароз.

Шабехун кунун то дари хони ман
Аз Эрон бисозанд бар ҷони ман.[6]

Диловар шуд он мардуми нодалер,
Гавазн андаромад ба болини шер.

Бар ин кинагар кор[7] созем зуд,
В-агарна бароранд[8] аз ин марз дуд.

---

1. М- Ба.
2. Л- ба озор дил.
   Л- Гаршеваз дил.
3. Л-б. 23 нест дил.
4. М-б. 23 нес
5. М –Шоҳи.
6. Л- пас аз б 28 ин б. омада:
   Ту дидӣ, ки аз баҳри Бежан чӣ кард
   Дар ин буми мо Рустам- он девмард.
7. И - Бад-ин кина кирдор дил.
8. И- Вагар не барояд.

www.sattor.com

Сазад, гар кунун гирди ин кишварам,
Саросар фиристодагон густарам.

Зи туркону аз Чин ҳазорон ҳазор
Камарбастагон аз дари корзор

Биёрем бар гирди Эрон сипоҳ,
Бисозем бар ҳар сӯе размгоҳ.

Ҳама мӯбадон рои ҳушёри хеш
Ниҳоданд дар пеши*[1] солори хеш,

Ки моро зи Ҷайҳун бибояд гузашт,
Задан кӯси шоҳӣ бар он паҳндашт.

Ба Омуй лашкаргаҳе сохтан,
Шабу рӯз н-осудан аз тохтан,

Ки он ҷои ҷанг асту хун рехтан,
Або Геву бо Рустам овехтан.

Сарафроз гурдони гирандашаҳр
Ниҳон ҷангро[2]*[3] об дода ба заҳр.

Чу Афросиёб он суханҳо шунуд,
Барафрӯхт аз бахту шодӣ намуд.

Абар паҳлавонону бар мӯбадон
Бикард офарине ба расми радон.

Нависандаи номаро пеш хонд,
Сухан ҳарчи боист, бо ӯ биронд.

Фиристодагон хонд аз анҷуман
Ба наздики фағфуру шоҳи Хутан.

Фиристод нома ба ҳар кишваре,
Ба ҳар номдореву ҳар меҳтаре.

1. М- бар гуфтӣ.
2. Л -Ба ҳангоми ҷанг.
3. М- Ба паймони ҷанг.

www.sattor.com

Сипаҳ хост, к-андешаи ҷанг дошт,
Зи Рустам бад-он[1] гуна дил танг дошт.

Ду ҳафта баромад зи Чину Хутан,
Зи атроф туркон шуданд анҷуман.[2]

Чу дарёи ҷӯшон замин бардамид,
Чунон шуд, ки кас рӯи ҳомун[3] надид.

Гала ҳарчи будаш зи аспон яла,
Ба шаҳр андаровард яксар гала.

Ҳамон ганҷҳо, к-аз гаҳи Тур боз
Падар бар писар - бар ҳаме дошт роз.

Сари бадраҳоро кушодан гирифт,
Шабу рӯз динор додан гирифт.

Чу лашкар саросар шуд ороста,
Бад-он бениёзӣ шуд аз хоста,

Зи гурдон гузин кард панҷаҳ ҳазор
Ҳама размҷӯёни созандакор.

Ба Шеда, ки будаш набарда писар,
Зи шерони ҷангӣ баровард сар,

Чунин гуфт, к-"Ин лашкари размсоз
Супурдам туро, роҳи Хоразм соз.

Нигаҳдори он марзи Хоразм бош,
Ҳамеша камарбастаи разм бош".

Дигар панҷаҳ аз номдорони Чин
Бифармуд, то кард Пирон гузин.[4]

---

1. И - Бежан бар он.
2. Л- б. 44-45 нест.
3. И -рӯзи равшан.
4. Л- Биёвард панҷаҳ ҳазори дигар
Ҳама кинаҷӯёни бастакамар.
Ба Пирони Виса супурд он гаҳе,
Ки биншаст бар тахти шоҳаншаҳӣ.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт: “То шаҳри Эрон бирав,
Бинеҳ тахт бар*[1] тахти солори нав.

Дари оштӣ ҳеч гуна маҷӯй,
Сухан ҷуз ба ҷангу ба кина*[2] магӯй.

Кассе к-ӯ барад[3] обу оташ ба ҳам,
Абар ҳарду- бар карда бошад ситам.

Ду пурмоя бедордил паҳлавон,
Яке ҳушвар пиру дигар ҷавон,

Бирафтанд бо панди Афросиёб
Ба ором пиру ҷавон пуршитоб.

Або занги*[4] заррину кӯполу теғ,
Хурӯшон ба кирдори ғурранда меғ.

ФИРИСТОДАНИ КАЙХУСРАВ ГУДАРЗРО БА ҶАНГИ ТУРОНИЁН

Пас огоҳӣ омад ба пирӯз шоҳ,
Ки омад зи Турон ба Эрон сипоҳ.

Ҷафопеша, бадгавҳар Афросиёб
Зи кина на ором ҷӯяд, на[5]*[6] хоб.

Баровард хоҳад ҳаме сар зи нанг,
Зи ҳар сӯ фиристод лашкар ба*[7] ҷанг.

Ҳаме заҳр сояд ба нӯки синон,
Ки тобад магар сӯи Эрон инон,

1. М- Нигаҳ кун ту он.
2. М-Кина або ӯ.
3. И-бизад.
4. М-кӯсӣ.
5. И-Наёбад шабу рӯз, Л-Набошад шаби тира. Л- Ба
6. М- наёбад шаб орому.
7. М-Фароз омад аз ҳар сӯе сози.

www.sattor.com

Саворони чангӣ*[1] чу сесад ҳазор,
Зи Ҷайҳун ҳаме кард хоҳад гузор,

Сипоҳе ки ҳангоми нангу набард
Зи Ҷайҳун ба гардун бароранд гард.

Далерон ба даргоҳи Афросиёб
Зи бонги табира наёбанд хоб.

Зи овози шайпуру захми дарой
Ту гуфтӣ бараояд ҳаме дил зи ҷой.

Гар ояд ба Эрон ба ҷанг он сипоҳ,
Ҳизабри диловар наёяд ба роҳ.

Сари марзи Эрон ба Пирон супурд,
Сипоҳе фиристод бо ӯ на хурд.

Сӯи марзи[2] Хоразм панҷаҳ ҳазор
Камарбаста рафт аз дари корзор.

Сипаҳдорашон Шедаи шердил,
К-аз оташ ситонад ба шамшер дил.

Сипоҳе ба кирдори пилони маст,
Ки бо ҷанги эшон шавад кӯҳ паст.

Чу бишнид гуфтори корогаҳон,
Пурандеша биншаст шоҳи ҷаҳон[3].

Пас он гаҳ чунин гуфт, к-"Эй бихрадон,
Ман эдун шунидастам аз мӯбадон,

Ки чун моҳи туркон бараояд[4] баланд
Зи хуршеди Эронаш ояд[5] газанд.

1. М- Турон.
2. Л-шахри.
3. Л-шуд шахрёри чавон.
4. Турон баромад.
5. И-боша

www.sattor.com

Сияҳмор чун[1] сар барорад, бикӯб,
Зи сӯрох печон шавад сӯи чӯб.

Чу Хусрав ба бедод корад дарахт,
Бигардад аз ӯ подшоҳиву бахт”[2].

Пас он гаҳ[3] ҳама мӯбадонро бихонд,[4]*[5]
Шунида сухан пеши эшон биронд.

Нишастанд бо шоҳи Эрон ба роз
Бузургони фарзонаи размсоз.

Чу Дастони[6] Рустам, чу Гударзу Гев,
Чу Шедушу Фарҳоду Руҳҳоми[7] нев,

Дигар Бежану Ашкашу Густаҳам[8]
Чу Гургину чун Зангаву Гуждаҳам,[9]

Чу Туси сарафрози Нӯзарнажод,
Фарибурзи Ковуси фаррухниҳод.[10]

Ҷуз ин номдорони лашкар ҳама,
Ки буданд шоҳи ҷаҳонро рама.

Або паҳлавонон чунин гуфт шоҳ,
Ки “Туркон ҳама разм ҷӯянду гоҳ.

Чу душман сипаҳ сохт,[11] шуд тезчанг,
Бибояд басечид моро ба ҷанг.*[12]

---

1. - агар
2. ИМ- тахт; Л-б. 79 нест.
3. Л- Аз он пас.
4. И-Ҳама мӯбадонро сӯи хеш хонд.
5. М-Ҳама мӯбадонро бари хеш хонд.
6. И-Дастону.
7. И-Руҳҳому гурдони нев.
8. И-Бежан Гев бо Гуждаҳам.
9. И-Густаҳам.
10. Л-б. 84 нест.
11. И-кард.
12. М-Набояд басечад диранг.

www.sattor.com

Бифармуд, то бар дараш говдум
Заданду бичӯшид[1] рӯинахум.

Аз айвон ба майдон хиромид шоҳ,
Биёростанд аз бари пил гоҳ.[2]

Бизад мӯҳра дар ҷом бар пушти пил,
Заминро ту гуфтӣ барандуд нил.

Ҳаво шуд сиёҳу замин нилранг[3]
Далерони лашкар ба сони паланг.

Ба ҷанг- андарун гурзу дил пур зи кин,
Чу дарёи ҷӯшон зи гурдон замин.[4]

Хурӯше баромад зи даргоҳи шоҳ,
Ки эй паҳлавонони эронсипоҳ,[5]

Касе к-ӯ бисояд инону рикеб,
Набояд, ки гирад[6] ба хона шикеб.

Бифармуд, к-аз Руму аз Ҳиндувон
Саворони ҷангу[7] ялону гавон,

Далерони гарданкаш аз тозиён,
Басечидаи ҷангу шери жиён.

Камарбаста хоҳем сесад ҳазор
Зи дашти[8] саворони найзагузор.

Ҳар он, к-аз чиҳилрӯза дар пеши шоҳ
Наёяд, наёбад[9] ба сар-бар кулоҳ.

1. ИЛМ - Дамиданду бастанд.
2. М-Ранг-ранг.
3. ИМ- нилгун.
4. Л-б. 91 нест.
5. И-б. 93 нест.
6. Л-бошад.
7. И-ҷангӣ.
8. Л-ҳар сӯ.
9. Л-Биёяд, биёбад.

www.sattor.com

Пароканда карданд ҳар сӯ савор,
Фиристода бо*[1] номаи шаҳрёр.

Ду ҳафта баромад ба фармони шоҳ,
Бичӯшид дар подшоҳӣ сипоҳ.

Зи лашкар ҳама кишвар омад ба ҷӯш,
Зи гетӣ баромад саросар хурӯш.

Ба шабгир гоҳи хурӯши хурӯс
Зи ҳар сӯ ҳаме хост овози кӯс.

Бузургони ҳар кишваре бо сипоҳ
Кашиданд саф пеши[2] даргоҳи шоҳ.

Сари*[3] ганҷҳои кухан боз кард,
Сипаҳро дирам додан оғоз кард.

Ҳама лашкар аз ганҷу динори шоҳ
Ба сар барниҳоданд зарринкулоҳ.[4]

Ба баргуставону ба ҷавшан чу кӯҳ
Шуда оҳанин лашкаре*[5] ҳамгурӯҳ.

Чу шуд кори лашкар ҳама сохта,
В-аз эшон дили шоҳ пардохта,

Нахустин аз он лашкари номдор,
Саворони шамшерзан сӣ ҳазор

Гузин кард Хусрав, ба Рустам супурд,
Бад-ӯ гуфт, к-эй номбардор гурд,

Раҳи Систон гиру баркаш сипоҳ,
Ба Ҳиндустон андаровар ба роҳ.

1. М- Ба даст- андарун.
2. - ниҳоданд сар сӯи.
3. М-Дари
4. И-Ниҳоданд бар сар зи гавҳар кулоҳ; Л-гурдон кулоҳ.
5. М-шуданд оҳанинтан ҳама.

www.sattor.com

Зи Ғазнин бирав то ба роҳи барин,
Ки гардад туро тоҷу тахту нигин.

Чу он подшоҳӣ шавад яксара,
Ба обишхур ояд палангу бара.

Фаромарзро деҳ кулоҳу нигин,
Касе к-ӯ бихоҳад, зи лашкар гузин.

Бизан кӯси рӯину шайпуру ной,
Ба Кашмиру Кобул фаровон[1] мапой,

Ки моро сар аз ҷанги Афросиёб
Наёбад ҳаме хӯрду ором у хоб.

Алонону Ғарча ба Лӯҳросп дод,
Бад-ӯ гуфт, к- "Эй гурди фаррухнажод,

Бирав бо сипоҳе ба кирдори кӯҳ,
Гузин кун зи гурдони лашкар гурӯҳ.

Саворони шоистаи корзор
Бубар, то барорӣ зи туркон[2] димор".

Ба Ашкаш бифармуд, то сӣ ҳазор
Даманда ҳизаброни найзагузор

Барад сӯи Хоразм кӯси бузург,
Сипоҳе ба кирдори даррандагург.

Занад бар дари шаҳри Хоразм гоҳ,
Або Шеда гардад ҳаме размхоҳ.

Чаҳорум сипаҳро ба Гударз дод,
Бад-ӯ гуфт, к-Эй гурди паҳлавнажод,[3]

1. Л- фузун з-ин.
2. И- эшон.
3. Л-Чи моя варо панду андарз дод.

www.sattor.com

Бирав[1] бо бузургони Эрон ба ҳам
Чу Гургину чун Зангаву Густаҳам,

Чу Шедушу Фарҳоди Харроду Гев,
Гуроза сипаҳдору Руҳҳоми нев.*[2]

Бифармуд бастан камаршон ба ҷанг,
Сӯи шаҳри Турон шудан бедиранг.

Сипаҳдор Гударзи кашводагон,
Ҳамон[3] паҳлавонону озодагон

Нишастанд бар зин ба фармони шоҳ,
Сипаҳдор Гударз пеши сипоҳ.

Ба Гударз фармуд пас шаҳрёр,
Ки рафтӣ камарбастаи корзор,

Нигар, то наёзӣ ба бедод даст,
Нагардонӣ айвони обод паст.[4]

Касе к-ӯ ба ҷангат набандад миён,
Чунон соз, к-аз ту набинад зиён,

Ки напсандад аз мо бадӣ додгар,
Сипанҷ аст гетиву мо баргузар.

Чу лашкар сӯи марзи Турон барӣ,
Макун тез дилро ба оташсарӣ.

Нигар, то наҷӯшӣ ба кирдори Тус
Набандӣ ба ҳар кор бар пил кӯс.

Ба ҳар кор бо ҳар касе дод кун,
Зи Яздони некидиҳиш ёд кун.

---

1. ЛМ-Ки рав.
2. М- Фарибурзу Ковусу Фарҳоду Гев
   Гуроза сипаҳдору Шопури нев.
3. Л-Ҳама.
4. ТП - баъд аз б. 129 ин б. омада:
   Ба кирдори бад ҳеч макшой чанг,
   Барандеш аз дудаву ному нанг.

www.sattor.com

Ҷаҳондидае сӯи Пирон фирист,
Ҳушивор в-аз ёдгирон фирист.

Ба панди фаровон-ш букшой гӯш,
Бирав, чодари меҳрубонӣ бипӯш”.

Чунин гуфт солори лашкар ба шоҳ,
Ки “Фармони ту бартар аз чарху моҳ,

Бад-он сон шавам, к-ам ту фармон диҳӣ,
Ту шоҳи ҷаҳондориву*[1] ман раҳӣ”.

Баромад хурӯш аз дари паҳлавон,
Зи бонги табира замин[2] шуд навон.

Ба лашкаргаҳ омад дамодам сипоҳ,
Ҷаҳон шуд зи гарди саворон сиёҳ.*[3]

Ба пеши сипоҳ - андарун пил шаст,
Ҷаҳон паст гашта зи пилони маст.

Аз он зандапилони*[4] ҷангӣ ҳазор
Биёростанд аз дари шаҳрёр.

Ниҳоданд бар пушташон тахти зар,
Нишастангаҳи шоҳи ботоҷу фар.

Ба Гударз фармуд, то барнишаст
Бар он тахти зар аз[5] бари пили маст.

Барангехт пилону бархост гард,
В-аз он гард некахтарӣ ёд кард,

Ки аз ҷони*[6] Пирон барорем дуд,
Бар он сон, ки гарди паи пил буд.

---

1. М- ҷаҳонбониву
2. Л- ҷаҳон
3. М-б. 139, 140 нест.
4. М-жандапилони.
5. Л-заррин.
6. М- ҷони.

www.sattor.com

Беозор лашкар ба фармони шоҳ
Ҳаме рафт манзил ба манзил ба роҳ.[1]

ПАЁМ БУРДАНИ ГЕВ АЗ ГУДАРЗ НАЗДИ ПИРОН

Чу Гударз наздики Райбад расид,
Саронро зи лашкар ҳама баргузид.

Ҳазор аз далерони найзагузор
Гузин кард гарданкашу[2] номдор.

В-аз эрониён номвар даҳ*[3] савор
Сухангӯю андархури корзор.[4]

Сипаҳдор пас Гевро пеш хонд,
Ҳама гуфтаи шоҳ бо ӯ биронд.

Бад-ӯ гуфт, к-Эй пури ҳушёрсар,[5]
Барафрохта сар зи бисёр сар.

Гузин кардаам дархурат лашкаре,
Ки ҳастанд[6] солори ҳар кишваре.

Бад-он то ба наздики Пирон шавӣ,
Бигӯиву гуфтори ӯ бишнавӣ.

Бигӯӣ ба Пирон, ки ман бо сипоҳ
Ба Райбад*[7] расидам ба фармони шоҳ.

Шиносӣ ту гуфтору кирдори хеш,
Беозориву ранҷу озори хеш.

Ҳама шаҳри Турон бадиро миён
Бубастанд бо номдори каён.

1. Л-сипоҳ.
2. И- гарданкаши.
3. М-Аз эрониён озмуда.
4. Л-б. 250 нест.
5. Л- солорсар.
6. И- Кушоянда, ки шояд.
7. М- турон.

www.sattor.com

Фаридуни фаррух, ки бо доғу дард
Ба гетӣ - дарун дида пуроб кард.[1]

Пур аз дард Эрон, пур аз доғ[2] шоҳ,
Ки бо сӯги[3] Эраҷ натобид моҳ.[4]

Зи туркон ба танҳо ту бар анҷуман,
Ситоӣ ба меҳру вафо хештан.

Дурӯғ аст бар ту ҳаме номи меҳр,
Набинам-т андар дил орому[5] меҳр.

Ҳамон аст, к-он шоҳи озармҷӯй[6]
Маро гуфт: "Бо ӯ ҳама нарм гӯй".

Бад-он, к-ӯ ба гоҳи Сиёвахши рад
Наяфканд аз рӯз бунёди бад,

Ба назди манаш дастгоҳ аст низ,
Зи хуни падар бегуноҳ аст низ.

Гуноҳе ки то ин замон кардаӣ,
Зи шоҳон касеро наёзурдаӣ.*[7]

Ҳама шоҳ бугзорад аз ту ҳаме,
Бадӣ некӣ ангорад аз ту ҳаме.

Набояд, ки бар дасти ман – бар*[8] табоҳ
Шавӣ бар гузашта фаровон гуноҳ.

1. ИМ - Зи гетӣ бишуд мижжа пур оби зард.
2. И - сӯг.
3. И- доғи.
4. ТПЗ - пас аз б. омада:
   Зи Турон зи Салм омад ин боддам,
   Ки бар Эраҷ омад зи эшон ситам.
5. И- ороми.
6. Л-озодахӯй.
7. М-шоҳони гетӣ кӣ озурдаӣ?
8. М- ту.

www.sattor.com

Магар[1], к-аз паи ҷанги Афросиёб
Замона ҳаме бар ту гирад[2] шитоб.

Бузургони Эрону фарзанди ман
Бихонанд бар ту ҳаме панди ман.[3]

Сухан ҳарчи донӣ, бад-эшон*[4] бигӯй,
Ҳам эдун аз эшон сухан бозҷӯй.

Гарат чира гардад бар эшон забон,
Гузаштӣ зи тимору растӣ зи ҷон.

Бару[5] буми хешонат[6] ободгашт,
Зи теғи манат гардан озод гашт.

Гар эдун, ки сӯи ту гардад*[7] гуноҳ,
Набошӣ ба ҷон эмин аз дасти шоҳ.[8]*[9]

Начӯям бар ин кина орому хоб,
Ману гурзу майдону Афросиёб,

К-аз ӯ шоҳи моро ба кин хостан
Набояд[10] басе лашкар оростан.

Магар панди ман сар ба сар бишнавӣ,
Ба гуфтори ҳушёри ман бигравӣ.

Нахустин касе к-ӯ бияфканд кин,
Ба хунрехтан барнавашт остин.

---

1. Л-дигар.
2. И-нагирад.
3. Л-б. 169 нест.
4. М- Агар рост бошад дилат бо.
5. Л- Тану.
6. И- хеши ту.
7. М- Гар аз ту падидор ояд.
8. И- В-ар аз ту ҳаме дид бояд гуноҳ,
   Намонад ба ту меҳру тахту кулоҳ.
9. М- Намонад ба ту тоҷу тахту кулоҳ.
10. Л-Бубояд.

www.sattor.com

Ба хуни[1] Сиёвуш биёзид даст,
Ҷаҳоне ба бедод баркард паст,

Ба сони сагоншон аз он анҷуман
Бубандӣ, фиристӣ ба наздики ман.

Бад -он то фиристем наздики шоҳ,
Чи саршон*[2] ситонад, чи бахшад гуноҳ.

Ҳама номи эшон ба девони ман
Набиштаст шоҳи ҷаҳонбони ман.

Ту нашнидӣ ин достони бузург,
Кӣ шери жиён афканад пеши гург?

Ки ҳар, к-ӯ*[3] ба хуни каён даст охт,
Замона ҷуз аз хок ҷояш насохт.

Дигар ҳарчи аз ганҷ наздики туст,
Ҳама душмани ҷони торики туст,

Зи аспони пурмоя в-аз гавҳарон,
Зи динору дебову аз афсарон,

Зи шамшеру аз таргу баргустувон,
Зи хафтону аз ханҷари ҳиндувон,[4]

Ҳама олати лашкару симу зар
Фиристӣ ба наздики ман сар ба сар.

Ба бедод, к-аз мардумон бистадӣ,
Фароз оваридӣ зи дасти бадӣ,

Бад-он бозхаррӣ магар ҷони хеш,
Бубинӣ сари роҳ дармони хеш.

---

1. И- ҷони.
2. М - ҷонаш.
3. М - Ҳар он кас.
4. И- Ханҷар зи Ҳиндустон.

www.sattor.com

Чи андархури шаҳрёр аст, аз он
Фиристам ба наздики шоҳи ҷаҳон.

Бубахшем дигар ҳама бар сипоҳ
Ба ҷои мукофоти кардагуноҳ.

Ва дигар, ки пури гузини туро
Нигаҳбони*[1] гоҳу нигини туро,[2]

Бародарт ҳарду сарони сипоҳ,[3]
Ки ҳазмон[4] бароранд гардан ба моҳ.

Чу ҳар се бар ин номдор анҷуман
Фиристӣ гаравгон ба наздики ман,

Бад-он то шавам эмин аз кори ту,
Барорад дарахти вафо бори ту.

Бубин, он гаҳе баргузин з-ин ду роҳ*[5]
Яке роҳ ёбӣ ба наздики шоҳ.

Худу[6] дудмон назди Хусрав шавӣ,
Бад-он сояи меҳри ӯ биғнавӣ.

Бибуррӣ дил аз меҳри Афросиёб,
Набинӣ шаби тира ӯро ба хоб.

Кунам бо ту паймон, ки Хусрав туро
Ба хуршеди тобон барорад саро.

Зи меҳри дили ӯ то огаҳтарӣ,
К-аз ӯ ту набинӣ ба ҷуз сарварӣ.[7]

---

1. М- Нигаҳдори.
2. Л- Ва дигар зи гурдони рӯзи набард
   Чу Ҳумону Каҳҳолу Фаршедвард.
3. Л-Бубахшем дигар ҳама бар сипоҳ.
4. Л-ҳардам.
5. М- Барандеш акнун аз ин ҳарду роҳ.
6. -Чу бо.
7. Л- меҳтарӣ.

www.sattor.com

В-ар аз шоҳи Турон битарсӣ ҳаме,*[1]
Нахоҳӣ, ки ой ба Эронзамӣ,*[2]

Бипардоз Турону баркаш ба Чоҷ,
Бубар тахти соҷу барафроз тоҷ.

Варат*[3] сӯи Афросиёб аст рой,
Бирав назди ӯ, ҷанги моро мапой,

Ки бо он ки бояд басечем*[4] ҷанг,
Маро дил*[5] чу шер асту ҷангипаланг,

Ба туркон намонам ман аз тахт баҳр,
Камони ман абр асту борон-ш заҳр.[6]

Вагар бугзарӣ з-ину ҷангат ҳавост,
Сарат пур зи бероиву кимиёст,

Басечидаи ҷанг хез, эдар ой,
Гарат ҳаст бо шери дарранда пой.

Чу саф баркашад аз ду рӯя сипоҳ,
Гунаҳгор пайдо шавад бегуноҳ.

В-ар*[7] ин гуфтаҳои маро нашнавӣ,
Ба фарҷоми корат пушаймон шавӣ.

Пушаймонӣ он гаҳ надорад-т суд
Ки теғи замона саратро дуруд".

Бигуфт ин сухан паҳлавон бо писар,
Ки бархон ба Пирон ҳама дар ба дар.[8]

---

1. М- зи бад.
2. М- Эрон сазад.
3. М - Гарат.
4. М - Ки бо ман набояд бисечид.
5. М - зӯри.
6. И-б. 205 нест.
7. М - Гар.
8. И - сар ба сар.

www.sattor.com

РАФТАНИ ГЕВ БА ВИСАГИРД БА НАЗДИКИ ПИРОН

Зи пеши падар Гев шуд то ба Балх,
Гирифта ба ёд он суханҳои талх.

Фуруд омаду кас фиристод зуд,
Бад-он сон, ки Гударз фармуда буд.

Ҳамон шаб сипоҳ андаровард гирд,
Бирафт аз дари Балх то Висагирд,

Ки Пирон бад-он шаҳр буд бо сипоҳ,
Ки дайҳими Эрон ҳаме ҷусту гоҳ.

Фиристода чун назди*[1] Пирон расид,
Сипаҳдори турконсипаҳро бидид.

Бигуфташ, ки “Омад сӯи Балх Гев,
Або ӯ бузургону гурдони нев”.

Чу бишнид Пирон, барафрохт гӯш,
Баромад зи гурдони лашкар хурӯш.

Бизад нои рӯину барбаст кӯс,
Шуд аз сумми аспон замин обнӯс.[2]

Саду даҳ ҳазораш зи лашкар савор,
Фароз омаданд аз дари корзор.

Аз эшон ду баҳра[3] ҳамон ҷо бимонд,
Бирафту ҷаҳондидагонро бихонд.

Биёмад, чу наздики Ҷайҳун расид,
Ба гирди лаби об лашкар кашид.

Ба Ҷайҳун - бар аз найза девор кард,
Або[4] Геви Гударз дидор кард.

1. М - пеши.
2. И -б. 219 нест.
3. И - Ду баҳра зи лашкар.
4. Л - Чу бо.

www.sattor.com

Ду ҳафта шуд андар суханшон диранг,
Бад-он то набошад ба бедод ҷанг.

Зи ҳар гуна гуфтанду Пирон шунид,
Гунаҳгорӣ омад зи туркон падид.

Бузургони Эрон забон ёфтанд,
Бар эшон ба гуфтор биштофтанд.

Барафканд Пирон ҳам андар шитоб
Наванде ба наздики Афросиёб,

Ки Гударзи Кашводагон бо сипоҳ
Ниҳод аз бари тахти Эрон кулоҳ.

Фиристода омад ба наздики ман[1]*[2],
Гузин пури ӯ Геви лашкаршикан.

Маро гӯшу дил сӯи[3]*[4] фармони туст,
Ба паймон равонам гаравгони туст.

Сухан чун ба солори Турон[5] расид,
Сипоҳе зи ҷанговарон баргузид.

Фиристод наздики Пирон савор
Зи гурдони шамшерзан сад[6] ҳазор.

Бад-ӯ гуфт: “Бардор шамшери кин,
В-аз эшон бипардоз рӯи замин.

На Гударз бояд ки монад, на Гев,
На Фарҳоду Гургин, на Руҳҳоми нев,

Ки бар мо сипоҳ омад аз чор сӯй,
Ҳаме тахти Турон кунанд орзӯй.

---
1. И- б. 229, 230 нест.
2. М- меҳтари анҷуман.
3. Л - хабар.
4. М- Яксар.
5. Л - туркон.
6. Л - сӣ.

www.sattor.com

Биёрам саворони туркон кунун,
Ҳама шаҳри Эрон кунам ҷӯи хун.

Ба рои ҳушивору мардони мард
Барорам зи Кайхусрав[1] ин бор гард".

Чу Пирон бидид он сипоҳи бузург,
Ба хун ташна ҳар як ба кирдори гург.

Барошуфт аз он пас, ки нерӯ гирифт,
Ҳунарҳо бишуст аз дил, оҳу гирифт.

Ҷафопеша гашт он дили некхӯ,
Пурандеша шуд,*[2] разм кард орзӯ.

Ба Гев он гаҳе гуфт: "Бархезу рав,
Сӯи паҳлавони сипаҳ боз шав.

Бигӯяш, ки аз ман ту чизе маҷӯй,
Ки фарзонагон он набинанд рӯй.

Яке он ки аз номдорон гавон
Супурдан ба дасти ту ин кай тавон?

Ва дигар, ки гӯӣ силеҳу сипоҳ,
Гаронмоя аспону тахту кулоҳ,

Бародар, ки равшанравони[3] ман аст,
Гузида писар паҳлавони ман аст,

Ҳамегӯӣ аз хештан дур кун,
Зи бихрад чунин хом бошад[4] сухун.

Маро марг беҳтар аз ин[5] зиндагӣ,
Ки солор бошам, кунам бандагӣ.

1. И - Хусрав ман.
2. М - Хурӯшиду бар.
3. ИЛ - равшанҷаҳони.
4. Л - Ки доно чунин хом донад сухун.
5. Л - бодо бад-он.

www.sattor.com

Яке достон зад бар ин бар паланг,
Чу бо шери ҷангӣ баромад ба ҷанг.

Ба ном ар бирезӣ маро, гуфт, хун,
Беҳ аз зиндагонӣ ба нанг-андарун.

Ва дигар, ки пайғоми шоҳ омадаст,
Ба фармони ҷангам сипоҳ омадаст".

Чу посух чунин ёфт, баргашт Гев,
Або номдорону гурдони[1] нев.

Сипаҳдор чун Гев баргашт аз ӯй,
Хурӯшон сӯи ҷанг бинҳод рӯй.

Биёмад, чу назди[2] Канобад расид,
Бад-он домани кӯҳ лашкар кашид.

САФ КАШИДАНИ ҲАРДУ ЛАШКАР

Чу Гев андаромад ба пеши падар
Ҳаме гуфт посух ҳама дар ба дар[3]

Ба Гударз гуфт: "Андаровар сипоҳ,
Ба ҷое, ки созӣ ҳаме*[4] размгоҳ,

Ки ӯро ҳаме оштӣ рой нест,
Ба дил-ш-андарун додро ҷой нест.

Зи ҳар гуна бо ӯ сухан рондам,*[5]
Ҳаме ҳарчи гуфтӣ, бар ӯ хондам,*[6]

Чу омад*[7] падидор аз эшон гуноҳ,
Ҳаюне барафканд наздики шоҳ,

1. Л - лашкару номдорони.
2. ЛМ - пеши.
3. ИЛ - сар ба сар.
4. М - созем мо.
5. М - рондем.
6. М - хондем.
7. М- Биёмад.

www.sattor.com

Ки Гударзи[1] Гев андаромад ба ҷанг,
Сипаҳ ронд бояд кунун бедиранг.[2]

Сипоҳ андаромад зи[3] Афросиёб,
Чу мо бозгаштем, бугзошт об.

Кунун кинаро кӯс бар пил баст,
Ҳаме ҷанги моро кунад пешдаст”.

Чунин гуфт бо Гев пас паҳлавон,
Ки “Пирон ба серӣ расид аз равон.

Ҳамин доштам чашм аз ин бад ниҳон,[4]
Валекин ба фармони шоҳи ҷаҳон

Бибоист рафтан, ки чора набуд,
Дилашро кунун шаҳрёр озмуд.

Яке достон гуфта будам ба шоҳ,
Чу фармуд лашкаркашидан ба роҳ,

Ки “Дилро зи меҳри касе баргусил,
Куҷо несташ бо забон рост дил.

Ҳама меҳри Пирон ба туркон-бар аст,
Бишӯяд ҳаме шоҳ аз ӯ пок даст”.

Давон[5] аз паи*[6] Гев Пирон далер
Сипаҳро ҳаме ронд бар сони шер.

Чу донист Гударз, к-омад сипоҳ,
Бизад кӯсу омад зи Райбад ба роҳ.

Зи кӯҳ андаромад, ба ҳомун гузашт,
Кашиданд лашкар бар он паҳндашт.

1. И - Гударзу.
2. И - Сипоҳи дигар боядам тезчанг.
3. ИЛМ - омад аз назди.
4. И- Ҳаме доштам чашм з-он бад нишон.
5. Л - Дамон.
6. М - паси.

www.sattor.com

Ба дашт андаровард лашкар гурӯҳ
Ба ҳомун сипоҳ аз паси пушти кӯҳ.[1]

Чу Пирон сипоҳ аз Канобад биронд,
Ба рӯз-андарун рӯшноӣ намонд.

Саворони ҷавшанварон сад ҳазор
Зи туркон миёнбастаи[2] корзор,

Бирафтанд баста камарҳо ба[3] ҷанг
Ҳама теғи ҳиндӣ гирифта[4] ба чанг.

Ба кирдори кӯҳ аз ду рӯя сипоҳ,
Аз оҳан ба сар барниҳода кулоҳ.

Баромад хурӯшидани каррной,
Ту гуфтӣ биҷунбад ҳаме кӯҳ[5] зи ҷой.

Зи Райбадзамин[6] то Канобад сипоҳ
Дару дашт аз эшон кабуду сиёҳ.[7]

Ситора синон буду хуршед теғ,
Зи оҳан замин буд в-ар гард меғ.

Битӯфид аз овои гурдон замин,
Зи таргу[8] синон осмон оҳанин.[9]

Чу Гударз туронсипоҳро бидид,
Ки бар сони дарё ҳаме бардамид.

---

1. Л -б. 271 нест.
2. Л - камарбастаи.
3. И - камарҳои.
4. Л - найзаву теғи ҳиндӣ.
5. И - Биҷунбад гуфтӣ ту кӯҳе,
6. Л - Райбад дамон.
7. ТПЗИЛ - Зи гарди сипаҳ рӯз равшан намонд,
   Зи найза ҳаво чуз ба ҷавшан намонд.
   Аз овози аспону гарди сипоҳ
   Бишуд рӯшноӣ зи хуршеду моҳ.
8. ИМ - нӯгӣ.
9. Л -б. 279 нест.

www.sattor.com

Дурафш аз дурафшу гурӯҳ аз гурӯҳ,
Гусиста нашуд, то шаб омад зи кӯҳ.

Чу шаб тира шуд, пил пеши сипоҳ
Фароз овариданду бастанд роҳ.

Барафрӯхтанд оташ аз ҳар ду рӯй
Зи овози гурдони пархошҷӯй.[1]

Ҷаҳон сар ба сар гуфтӣ оҳарман аст,[2]
Ба доман-бар аз остин[3] душман аст.

Зи бонги табира ба санг-андарун
Бидаррид дил дар шаби тирагун.[4]

Сапеда баромад зи кӯҳи Сиёҳ,
Сипаҳдори Эрон ба пеши сипоҳ.

Ба осуда асп андаровард пой,
Ялонро ба ҳар сӯ ҳаме сохт ҷой.

Сипаҳро сӯи маймана кӯҳ буд,
Зи ҷанги далерон беандӯҳ буд.

Сӯи майсара рӯди оби равон,
Чунон дархур омад, ки танро равон.

Ҳам эдун пиёда паси найзадор,
Або ҷавшану тири оҳангузор.[5]

Камонҳо фиканда ба бозу-дарун,
Ҳаме аз ҷигаршон бичӯшид хун.

---

1. - б. 282, 283 нест.
2. И - Ту гуфтӣ ҷаҳон сар ба сар оҳан аст.
3. И - Замин осмонро магар.
4. Им - қиргул.
5. ЛМ - Таркашу тири ҷавшангузор;
   ТПЗ - Пиёда ки буд дархури корзор,
   Бифармуд, то пеши рӯи савор
   Сафе баркашиданд найзаварон
   Сипардор бо бодпоён сарон.

www.sattor.com

Паси пушти эшон саворон ба чанг,
К-аз оташ ба ханҷар бибурданд ранг.

Паси пушташон зиндапилон[1] чу кӯҳ,[2]
Замин аз паи пил гашта сутӯҳ.

Дурафши хуҷаста миёни сипоҳ,
Зи гавҳар дурафшон ба кирдори моҳ.[3]

Дурахшидани теғҳои бунафш
Аз он сояи коваёнӣ дурафш.

Ту гуфтӣ, ки андар шаби тирачеҳр,
Ситора ҳаме барфишонад сипеҳр.

Биёрост лашкар ба сони биҳишт,
Ба боғи вафо сарви кина бикишт.

Фарибурзро дод пас маймана,
Паси пушти лашкар Ҳаҷиру буна.

Гуроза[4] сари тухмаи Гевгон,
Завора[5] нигаҳбони тахти каён.

Ба ёрӣ Фарибурз бархостанд,
Ба[6] як рӯй лашкар биёростанд.

Ба Руҳҳом фармуд пас паҳлавон,
Ки “Эй тоҷу тахту хирадро равон,[7]

Бирав бо саворон сӯи майсара,
Ба кирдори наврӯзхур аз бара.

1. Л- пушти лашкар зи пилон.
2. И - Паси пушти лашкар зи пилон гурӯҳ.
3. Л - пас аз б. 294 ин б. омада:
Зи пилон замин сар ба сар нилгун,
Зи гарди саворон ҳаво ҷӯши хун.
4. И - Завора.
5. И - Гуроза.
6. Л - Зи.
7. И - номвар шери равшанравон.

www.sattor.com

Барафрӯз лашкар ту аз фарри хеш,
Сипаҳро ҳаме дор дар барри хеш.

Бад-он обгун ханҷари невсӯз,
Чу шери жиён аз*[1] ялон разм тӯз!

Бирафтанд ёрон-ш бо ӯ ба ҳам,
Зи гурдони лашкар яке Густаҳам.

Дигар Гаждаҳам размро ногузир,
Фурӯҳил, ки бугзорад аз чарх тир.

Бифармуд бо Гев, то даҳ ҳазор
Бирафтанд баргустувонвар савор.

Супурд он замон пушти лашкар бад-ӯй,
Ки буд ҷои гурдони пархошҷӯй.

Бирафтанд бо Гев ҷанговарон
Чу Гургину чун Зангаи Шоварон.

Дурафше фиристоду сесад савор*[2]
Нигаҳбони лашкар сӯи рӯдбор,[3]

Ҳам эдун фиристод бар сӯи кӯҳ,
Дурафшеву сесад зи гурдон гурӯҳ.

Яке дидабон бар сари кӯҳсар[4]*[5]
Баромад, баровард аз анбӯҳ сар.[6]

Шабу рӯз гардан барафрохта,
Аз он дидагаҳ дида бартохта.

Биҷустӣ ҳаме роҳи туронсипоҳ,
Паи мӯрро гар бидидӣ ба роҳ.

---

1. М - бо.
2. М - фиристод бо се ҳазор.
3. И -б. 310 нест.
4. И -кӯҳсар.
5. М - кӯҳ бар.
6. И - Нигаҳбони рӯзу ситорашумор.

www.sattor.com

Зи дида хурӯшидан орости̅
Бигуфтиву Гударз[1] бархости̅.

Бад-он сон биёрост он размгоҳ,
Ки разм орзӯ кард хуршеду моҳ.

Чу солор шоиста бошад ба ҷанг,
Натарсад сипоҳ аз диловар наҳанг.

В-аз он пас биёмад ба солоргоҳ,
Ки дорад сипаҳро зи душман нигоҳ.

Дурафши дилафрӯз бар пой кард,
Ялонро[2] ба қалб-андарун ҷой кард.

Саронро ҳама хонд наздики хеш,
Паси пушт Шедушу Фарҳод пеш.[3]

Сипаҳдор Гударзашон дар миён,
Дурафш аз бараш сояи коваён.

Ҳаме бистад аз моҳу хуршед нур,
Нигаҳ кард Пирон ба лашкар зи дур

Бад-он созу он лашкар оростан,
Дил аз ранҷу тимор баркостан.

Дару дашту кӯҳу биёбон синон,
Инон бофта сар ба сар дар инон.

Сипаҳдори Турон*[4] ғами̅ гашт сахт,
Барошуфт бо тирахуршеди[5] бахт.

---

1. И - Ба Гударз гуфтиву.
2. И - сипарҳо
3. ТПЗИМ - Ба дасти чапаш размдида Ҳаҷир
   Сӯи рост Катмораи шергир
   Бубастанд з-оҳан ба гирдаш сарой
   Паси пушт пилони ҷанги̅ ба пой.
4. М - туркон.
5. И - тирауммеду.

www.sattor.com

В-аз он пас нигаҳ кард ҷои сипоҳ,
Наёмад-ш бар орзу размгаҳ.*[1]

На овардгаҳ диду на ҷои саф,
Ҳаме барзад аз хашм кафро ба каф.

Бар он сон ки омад, бибоист сохт,
Чу сӯи ялон асп боист тохт.

Пас аз номдорону гурдони хеш,
Касе к-ӯ кунад ҷангро даст пеш,

В-аз он ҷангсозони*[2] Афросиёб
Касе к-ӯ бад-ин[3] кина гирад шитоб,

Гузин кард шамшерзан сӣ ҳазор,
Ки буданд шоистаи корзор,

Ба Ҳумон супурд он замон қалбгоҳ
Сипоҳи ҳизабрафкану размхоҳ.

Бихонд Андаримону Арҷоспро,
Ниҳодӣ сипаҳ род Бурҷоспро.

Чапи размгоҳаш бад-эшон супурд,
Або сӣ ҳазор аз далерони гурд.

Чу Лаҳҳоки ҷангиву Фаршедвард,
Або сӣ ҳазор аз ялони набард

Гирифтанд бар маймана ҷойгоҳ,
Замин сар ба сар гашт аз оҳан сиёҳ.

Чу Зангӯлаи гурду Калбодро,
Сипаҳрам, ки буд рӯзи фарёдро,

Фиристод бо найзавар даҳ ҳазор
Ба пушти саворони ханҷаргузор.

1. М -б. 326 нест.
2. М - ҷанговарон.
3. И - каш бад-он.

www.sattor.com

Бурун рафт Рӯини рӯинатан
Або даҳ ҳазор аз ялони Хутан,

Бад-он то дар он бешазорон чу шер
Камингаҳ кунад бо ялони далер.

Талоя фиристад ба рӯду ба кӯҳ,
Сипаҳдори Эрон шавад з-он сутӯҳ.

Гар аз размгаҳ пай ниҳад пештар,
Бичунбад абар хештан бештар.

Сипаҳдор Рӯин ба кирдори шер
Паси пушти ӯ андарояд далер.

Ҳамон дидабон бар сари[1] кӯҳсор,
Нигаҳбони рӯзу[2] ситорашумор,

К-аз эрониён гар саворе зи дур
Инон тофтӣ сӯи солори Тур,

Нигаҳбони дида гирифтӣ хурӯш,
Ҳама размгаҳ омадӣ з-ӯ ба ҷӯш.

РАФТАНИ БЕЖАН БА НАЗДИ ГЕВ БА РАЗМ ХОСТАН

Ду лашкар ба рӯй андаровард рӯй
Ҳама номдорони пархошҷӯй.

Чунин истода се рӯзу се шаб,
Ту гуфтӣ якеро наҷунбид лаб.

Ҳаме гуфт Гударз, гар ҷои хеш
Супорам бад-эшон, ниҳам пой пеш,

Сипоҳ андарояд паси пушти ман,
Намонад ба ҷуз бод дар мушти ман.

1. И- дидбонгурд.
2. И - Нигаҳбон буду.

www.sattor.com

Шабу рӯз бар пой пеши сипоҳ
Ҳамеҷуст некахтари ҳуру моҳ,

Ки то рӯзгоре ки некахтар аст,
Кадом аст ҷунбиш киро дарх(в)ар аст.

Куҷо бардамад бод рӯзи набард,
Ки чашми саворон бипӯшад ба гард.

Бар эшон биёбам магар дастгоҳ,
Ба кирдори бод андарорам сипоҳ.

В-аз он рӯй Пирон[1] ниҳода ду чашм,
Ки Гударзро дил биҷӯшад зи хашм,

Кунад пушт пардахту ронад сипоҳ,
Камин андарорад ба пушташ зи роҳ.

Ба рӯзи чаҳорум зи пушти сипоҳ
Бишуд Бежани Гев то қалбгоҳ.

Ба пеши падар шуд ҳама ҷома чок,
Ҳаме б-осмон барпароканд хок.

Ҳаме гуфт, к-эй боби корозмой,
Чароӣ бар ин*[2] хира будан ба пой?

Ба панҷум фароз омад ин рӯзгор,
Шабу рӯз осоиш омад зи кор.

На хуршед шамшери гурдон бидид,
На гарде ба рӯи ҳаво бардамид.

Саворон ба хафтону хӯд-андарун,
Якеро ба раг дарнаҷунбид хун.[3]

---

1. И - ва Пирон ҳам эдун.
2. М - чӣ дони чунин.
3. И - Якеро надиданд олуда хун;
ТПЗ - Дар Эрон ҳама зери бор- андаранд.
На охир ба рангу нигор -андаранд.

www.sattor.com

Ба Эрон пас аз Рустами номдор
Набудӣ чу Гударз дигар савор.

Кунун то биёмад зи ҷанги Пашан,
Аз он куштану размгоҳи гашан.

Ба Лодан, ки чандин писар кушта дид,
Сари бахти эрониён гашта дид,

Ҷигархаста гаштасту гумкардароҳ,
Нахоҳад, ки бинад ҳаме размгоҳ.

Ба пириш-бар чашм бояд фиканд,
Ниҳодаст сар сӯи чархи баланд.

Сипаҳдор, к-ӯ ношумурда сипоҳ
Ситора шуморад ҳаме гирди моҳ.

Ту бишнос, к-андар танаш нест хун,
Шуд аз ҷанги ҷанговарон ӯ[1] забун

Шигифт аз ҷаҳондида Гударз нест,
Ки ӯро равон худ бад-ин марз нест.

Шигифт аз ту дорам ҳаме,*[2] эй падар,
Ки шери жиён аз ту ҷӯяд[3] ҳунар.

Ду лашкар ҳаме бар ту доранд чашм,
Яке тез кун мағзу бинмой[4] хашм.

Кунун чун ҷаҳон гарму равшан ҳаво
Бигирад ҳаме разми лашкар наво,

Чунин*[5] рӯзгори хушӣ бугзарад,
Чу пӯлод рӯи замин бифсурад.

1. И - ӯ ҷанги турониёнро.
2. М - ояд моро.
3. И-гирад.
4. И - бифрӯз.
5. М - чу ин.

www.sattor.com

Чу бар найзаҳо гардад афсурда чанг,[1]
Паси пушт барф ояду пеш ҷанг.

Кӣ ояд зи гурдон ба пеши сипоҳ,
Ки овард гирад бар ин размгоҳ?

В-ар эдун, ки тарсӣ ҳаме аз камин,
Зи ҷанговарону зи мардони кин,

Ба ман дод бояд саворе ҳазор,
Гузини ман андархури корзор.

Барорем гард аз камингоҳашон,
Сар афшон кунем аз бари моҳашон.

Зи гуфтори Бежан бихандид Гев,
Басе офарин хонд бар пури нев.

Ба додор гуфт, аз ту дорам сипос
Ту додӣ маро пури некишинос.

Ҳамаш зӯр додӣ, ҳамаш ҳушу*[2] дин,
Шиносои ҳар кору ҷӯёи кин.

Ба ман бозгашт ин диловар ҷавон
Чунон чун бувад баччаи паҳлавон.

Чунин гуфт мар ҷуфтро наррашер,
Ки фарзанди мо гар набошад далер,

Бибуррем аз ӯ меҳру пайванд пок,
Падар-ш оби дарё бувад, мом хок.

Валекин ту, эй пури чирасухун,
Забон бар ниё баркушода макун,

Ки ӯ кордида-сту донотар аст,
Бар ин лашкари номвар меҳтар аст.

1. И - ҷанги саворону.
2. М - додиву ҳам фарру.

www.sattor.com

Касе к-ӯ бувад судаи рӯзгор,
Набояд ба ҳар кораш омӯзгор.

Саворони мо гар ба бор-андаранд,
На туркон ба рангу нигор-андаранд.

Ҳама шӯрбахтанду баргаштасар,
Ҳама дида пуробу хунин ҷигар.

Ҳаме хоҳад ин пири корозмой,
Ки туркон ба ҷанг андароранд пой.

Паси пушташон дур гардад зи кӯҳ,
Барад лашкари кинавар ҳамгурӯҳ.

Бубинӣ ту кӯполи Гударзро
Ки чун дарнавардад ҳама марзро.

Ва дигар, ки аз ахтари неку бад
Ҳаме гардиши чархро бишмарад.

Чу пеш ояд он рӯзгори беҳӣ,
Кунад рӯи гетӣ зи туркон тиҳӣ.

Чунин гуфт Бежан ба пеши*[1] падар,
Ки “Эй паҳлавони ҷаҳон сар ба сар,

Хуҷаста ниёро, ки ин аст[2] рой,
Сазад, гар надорем румӣ[3] қабой.

Шавам, ҷомаи разм[4] берун кунам,
Ба май рӯи пажмурда гулгун кунам.

Чу ояд ҷаҳонпаҳлавонро ба кор,
Биёям камарбастаи корзор”.

---

1. М- фаррух.
2. И -агар нест.
3. И - аз оҳан. ИМ - ҷавшану худ.
4. И -бастан.

www.sattor.com

ДАСТУРИИ НАБАРД ХОСТАНИ ҲУМОН АЗ ПИРОН

В-аз он лашкари турк Ҳумон далер
Биёмад ба пеши бародар чу шер,

Ки эй паҳлавони рад, Афросиёб,
Гирифт андар ин ҷанг моро шитоб.

Ба панҷум фароз омад ин рӯзгор,
Миён баста дар*[1] ҷанг чандин савор,

Аз оҳан миён судаву дил зи кин,
Ниҳода ду дида ба Эронзамин.

Чӣ дорӣ ба рӯй андаровард рӯй,
Чӣ андеша дорӣ ба дил-дар, бигӯй?

Гарат рои ҷанг аст, ҷанг озмой,
В-агар рои баргаштан, эдар мапой,

Ки нанг аст*[2] бар ту, аё паҳлавон,
Бар ин кор хандид*[3] пиру ҷавон.

Ҳамон лашкар аст ин, ки аз мо ба ҷанг
Бирафтанду рафта зи рух обу ранг.

Аз эшон ҳама размгаҳ кушта буд,
Замин сар ба сар ҷӯи хун гашта буд.

На з-ин номдорон саворе кам аст,
На он дударо паҳлавон Рустам аст.

В-арат[4] орзу нест хун рехтан,
Нахоҳӣ[5] ҳаме лашкар ангехтан,

1. М -бар.
2. М - аз ин.
3. М - ханданд.
4. И - гарат.
5. И - Наҷуӣ.

www.sattor.com

Зи ҷанговарон баҳрае баргузин,
Ба ман деҳ, ту бингар бад-ин дашти кин".

Чу бишнид Пирон зи Ҳумон сухун,
Бад-ӯ гуфт: "Маштобу тундӣ макун.

Бидон, эй бародар, ки ин размхоҳ,
Ки омад бари ман чунин бо сипоҳ,

Гузини бузургони Кайхусрав аст,
Сари номдорону ҳам паҳлав аст.

Яке он ки Кайхусрав аз шоҳи ман
Ҳаме сар фарозад[1] ба ҳар анҷуман.

Ва дигар, ки аз паҳлавонони шоҳ
Надонам чу Гударз касро ба ҷоҳ.[2]

Ба гарданфарозиву мардонагӣ,
Ба рои ҳушивору фарзонагӣ,

Се дигар, ки пурдоғ дорад ҷигар,
Пур аз хун*[3] дил аз дарди чандон писар,

Ки аз тан сароншон ҷудо мондаем,
Заминро ба хун гард биншондаем.

Кунун то ба тан-ш-андарун ҷон бувад,
Бар ин кина чун мор печон бувад.

Чаҳорум ду[4] лашкар миёни ду кӯҳ
Фароз оваридаст карда гурӯҳ.[5]

Зи ҳар сӯ, ки ҷӯӣ, бад-ӯ роҳ нест,
Барандеш, к-ин ранҷ кӯтоҳ нест.

1. И - барорад.
2. И - кас кинахоҳ.
3. М - кин.
4. И - ки.
5. И-фуруд оварида гурӯҳогурӯҳ.

www.sattor.com

Бикӯшид бояд бад-он то магар
Аз он кӯҳбора*[1] барорáнд сар.

Магар монда гарданду сустӣ кунанд,
Ба ҷанг-андарун пешдастӣ кунанд.

Чу аз кӯҳ берун кашад лашкараш,
Яке тирборон кунам бар сараш.

Чу девор гирд андароремашон,
Чу шери жиён ҷон бароремашон.

Бар эшон бигардад ҳама коми мо,
Барояд ба хуршед-бар номи мо.

Ту пушти сипоҳиву солори шоҳ
Бароварда аз чарху кайвон кулоҳ.

Касе к-ӯ ба номи баландаш ниёз
Набошад, чӣ гардад ҳаме гирди оз?

Ва дигар, ки аз номдорон ба ҷанг
Наёяд касе*[2] пеши ғуррон паланг.

Зи гурдон касеро абеномтар
Ба ҷанги далерон беоромтар,

Зи лашкар фиристад ба пешат ба кин,
Агар барнавардӣ бар ӯ-бар замин,

Туро ном аз ӯ бар набошад баланд,
Бар эрониён низ н-ояд газанд.[3]

В-агар бар ту-бар даст ёбад ба хун,
Шаванд ин далерони туркон забун”.

Нигаҳ кард Ҳумон ба гуфтори ӯй,
Ҳаме хира донист кирдори ӯй.

1. М - кӯҳ поя.
2. М - ҳаме.
3. И-б. 431-433 нест.

www.sattor.com

Чунин дод посух, к-аз Эрон савор
Кӣ ояд, ки[1] бо*[2] ман кунад корзор?

Туро худ ҳамин меҳрубонист хӯй,
Маро корзор омадаст орзуй.

В-агар, к-ат*[3] ба кинҷустан оҳанг нест,
Ба ҷонат-дарун[4] оташи ҷанг нест.

Шавам, чармаи гомзан зин кунам,
Сапедадамон ҷустани кин кунам.

РАЗМ ХОСТАНИ ҲУМОН АЗ РУҲҲОМ

Чу омад ба лашкаргаҳи хеш боз,
Ҳаме суд дандон ба сони гуроз.

Нишаст аз бари зин сапедадамон
Чу шери жиён бо яке тарҷумон.

Биёмад ба наздики эронсипоҳ
Пур аз ҷанг дил, сар[5] пур аз кини шоҳ

Чу Пирон бидонист, к-ӯ шуд ба ҷанг,
Бар ӯ-бар ҷаҳон гашт з-андӯҳ[6] танг.

Биҷӯшидаш аз кори Ҳумон ҷигар,
Яке достон ёд кард аз падар,

Ки доно ба ҳар кор созад диранг,
Сар андарнаёрад ба пайкор танг.

Сабуксор тундӣ намояд нахуст,
Ба фарҷоми кор андуҳ орад дуруст.

1. И- Надонам, ки.
2. М- набошад, ки бар.
3. М-туро гар.
4. ИМ – дил андарун.
5. И-ранг рух, дил.
6. И- шуд зи андӯҳ.

www.sattor.com

Забоне ки андар сараш мағз нест,
Агар дур биборад ҳамон, нағз нест.

Чу Ҳумон бад-ин разм тундӣ намуд,
Надонам чӣ орад ба фарҷом суд?

Ҷаҳондовараш бод фарёдрас,
Ҷуз ӯяш набинам ҳаме ёр кас.

Чу Ҳумони Виса бад-он размгоҳ,
Ки Гударзи Кашвод[1] буд бо сипоҳ,

Биёмад, ки ҷӯяд зи гурдон*[2] набард,
Нигаҳбони лашкар бар ӯ бозх(в)ард.

Талоя биёмад бари*[3] тарҷумон,
Саворони Эрон ҳама бадгумон.

Бипурсид, к-ин гурди пархошҷӯй
Ба хира ба дашт-андар овард рӯй,

Куҷо рафт хоҳад ҳаме чун наванд,
Ба чанг- андарун гурзу бар зин каманд?

Ба эрониён гуфт пас тарҷумон,
Ки омад гаҳи теғу гурзу[4] камон,*[5]

Ки ин шердил номбардор мард,
Ҳаме бо шумо кард хоҳад набард.

Сари висагон аст Ҳумон ба ном
Ки теғаш дили шер дорад ниём.

Чу диданд эрониён гурзи ӯй,
Камарбастану хусравӣ бурзи ӯй,

1. И-Биёмад, ки Гударз.
2. М- зи гурдон бихоҳам.
3. М- сӯи.
4. И-гурзу тиру.
5. М- г аро.

www.sattor.com

Ҳама дашти*[1] найзагузорон зи кор
Фурӯ монд аз фарри он номдор.

Ҳама яксара бозгаштанд аз ӯй,
Сӯи тарҷумонаш ниҳоданд рӯй,

Ки рав пеши Ҳумон, ба туркизабон
Ҳама гуфтаи мо бар ӯ-бар бихон,[2]

Ки моро ба ҷанги ту оҳанг нест,
Зи Гударз дастурии ҷанг нест.

Агар ҷангҷӯӣ, кушодаст роҳ
Сӯи номвар паҳлавони сипоҳ.

Зи солори гурдони гарданкашон
Ба Ҳумон бидоданд як-як нишон,

Ки гурдон кадоманду лашкар*[3] куҷост,
Кӣ дорад чапи лашкару дасти рост.

В-аз он сӯ ҳаюни таковар давон
Талоя бияфканд зӣ паҳлавон,

Ки Ҳумон аз он размгаҳ чун паланг,
Сӯи паҳлавон андаромад[4] ба ҷанг.

Зи пеши талоя чу Ҳумон бирафт,
Биёмад ба наздики Руҳҳом тафт.

В-аз он ҷо хурӯше баровард сахт,
Ки эй пури солори ҳушёрбахт,[5]

Биҷунбон инон андар ин размгоҳ,[6]
Миёни ду саф баркашида сипоҳ,[7]

---

1. М- дасти.
2. И-Ту дар пеши Ҳумон бихон.
3. М- кеҳтар кучой асту меҳтар.
4. И-ба сӯи сипоҳ омад андар.
5. И-б. 468, 469 нест.
6. И-бад-ин лашкар андар инон.
7. И-баргирифта синон.

www.sattor.com

Чапи лашкару ҷанги шерон туӣ,
Нигаҳбону солори Эрон туӣ.[1]

Ба овард бо ман бибояд-т гашт,
Сӯи рӯд хоҳиву гар кӯҳу[2] дашт.

В-агар ту наёӣ, магар Густаҳам
Биёяд дамон бо Фирӯҳил ба ҳам,

Ки ҷӯяд набардам зи кундоварон*[3]
Ба теғу синону[4] ба гурзи гарон.

Ҳар он кас, ки пеши ман ояд ба кин,
Замона бар ӯ дарнавардад замин.

В-агар теғи моро бубинад ба ҷанг,
Бидаррад дили шеру чарми паланг".

Чунин дод Руҳҳом посух бад-ӯй,
Ки "Эй номбардори*[5] пархошҷӯй,

Зи туркон туро бихрад ангоштем,
Ҷуз он гуна ҳастӣ, ки пиндоштем,

Ки танҳо бар ин размгоҳ омадӣ,
Диловар ба пеши сипоҳ омадӣ.

Бар онӣ, ки андар ҷаҳон теғдор
Набандад камар ҷуз ту дигар*[6] савор.[7]

Яке достон аз каён ёд кун,
Зи доми хирад гардан озод кун,

1. И-б. 471 нест.
2. И-бо сӯи.
3. М- ҷанговарон.
4. И-тиру камону.
5. М- номвар гурди.
6. М- низ чун ту.
7. И-чун ту як ном.

www.sattor.com

Ки ҳар, к-ӯ ба ҷанг андарояд нахуст,
Раҳи бозгаштан набояд-ш ҷуст.[1]

Аз инҳо, ки*[2] ту ном бурдӣ ба ҷанг,
Ҳама ҷангро тез доранд ҷанг.

Валекин ту фармони солори шоҳ
Набошад, насозад касе размгоҳ.

Агар ҷанги гурдон биҷӯӣ ҳаме,
Сӯи паҳлавон чун напӯӣ ҳаме?

Зи Гударз дастурии ҷанг хоҳ,
Пас аз мо ба ҷанг-андар оҳанг хоҳ".

Бад-ӯ гуфт Ҳумон, ки "Хира магӯй,
Бад-ин рӯй бо ман баҳона маҷӯй.

Ту ин найзаро дуки риштан гузин,
На марди саворониву дашти кин".

РАЗМ ХОСТАНИ ҲУМОН АЗ ФАРИБУРЗ

В-аз он ҷо ба қалби сипаҳ баргузашт,
Дамон то бад-он сӯи лашкар гузашт.

Ба назди Фарибурз бо тарҷумон
Биёмад ба кирдори пили дамон.

Яке бархурӯшид, к-"Эй баднишон,
Фурӯ бурда гардан зи гарданкашон,

---

1. ТПЗ - Наандешӣ аз теғи Геви далер,
Ки Пирон бародар-т он наррашер.
Ду гӯшаш ба ханҷар-ш сӯрох кард,
Дили гурди Турон пур аз рох кард.
Бирав боз гард, эй набардаставор,
Чу огаҳ шавад Геви ял номдор.
Биёяд, бибуррад ду гӯшат ба зор,
Шавӣ назди туроиён сахт хор.

2. М-ин ҳар ки.

www.sattor.com

Саворону пилону зарринакафш
Туро буду бо ковиёнӣ дурафш.

Ба туркон супурдӣ ба рӯзи набард,
Ялонат ба Эрон нахонанд мард.

Ту солор будӣ, шудӣ зердаст,
Камар*[1] бандагиро бибояд-т баст.[2]

Сиёвахши радро бародар туӣ,
Ба гавҳар зи солор бартар тӯӣ.

Ман аз тухмаи Тури туроншаҳам,
Ба гавҳар магар бо ту худ ҳамраҳам.

Ту бошӣ сазовори[3] кин хостан,
Ба кина[4] туро бояд оростан.

Яке бо ман акнун ба овардгоҳ
Биё, то бигардем[5] пеши сипоҳ.

Ба хуршеди тобон бароядт-т ном,
Чу[6] пеши ман эдар[7] гузорӣ ту гом.

В-агар ту наёӣ ба ҷангам, равост,
Завора, Гуроза нигар то куҷост.

Касеро зи гурдон ба пеши ман ор,
Ки бошад зи эрониён номдор".

Чунин дод посух Фарибурз боз,
Ки "Бо*[8] шери дарранда кина масоз.

1. М- миён.
2. И- Чу солор бошӣ, шавӣ зердаст,
Миён бандагиро бибояд бубаст.
3. И-Туро бояд имрӯз.
4. И-кин мар.
5. И-бояд-т гаштан ба.
6. И-ки.
7. И-андар.
8. М-Эй.

www.sattor.com

Чунин аст фарҷоми рӯзи набард,
Яке шод, пирӯзу дигар ба дард.

Чу пирӯз гаштӣ,*[1] битарс аз газанд,
Ки яксон нагардад сипеҳри баланд.

Ситеза ба ҷое расонад сухан,
Ки вайрон кунад хонумони куҳан.[2]

Дурафш ар зи ман шоҳ бистад, равост,
Бад-ӯ дод пилону лашкар, ки хост.

Ба кини каён аз паси Кайқубод,
Касе к-ӯ кулоҳи меҳӣ[3] барниҳод.

Камар баст, то гетӣ озод кард,
Сипаҳдор Гударзи Кашвод кард.

Ҳамеша ба пеши сипаҳ кинахоҳ
Падар бар падар неву солори шоҳ.

Ва дигар, ки аз гурзи ӯ бегумон
Сар ояд ба солоратон-бар замон.

Сипаҳро бад-ӯяст фармони ҷанг,
Бад-ӯ боз гардад ҳама ному нанг.

Агар бо туам ҷанг фармон диҳад,
Диламро бар он доғ дармон диҳад.

Бубинӣ, ки ман сар чи гуна зи нанг
Ба гардун барорам ба майдони ҷанг”.

Чунин посухаш дод Ҳумон, ки бас,
Ба гуфтор бинам туро дастрас.

Бад-ин теғ, к-андар миён бастаӣ,
Зи мардони ҷангӣ киро ҳастаӣ?*[4]

1. М-бошӣ.
2. И-б. 505 нест.
3. И- кай.
4. М - ҷанги саворон ҷаро растаӣ?

www.sattor.com

Бад-ин гурзи нохуб кун корзор,
Ки бар таргу ҷавшан наёяд ба кор.

РАЗМ ХОСТАНИ ҲУМОН АЗ ГУДАРЗ

Аз он ҷо бад-он чирагӣ[1] бозгашт,
Ки гуфтӣ магар шери бад соз гашт.

Камарбастаи кини озодагон
Ба наздики[2] Гударзи Кашводагон.

Биёмад,[3] яке бонг барзад баланд,
Ки "Эй пурманиш[4] меҳтари девбанд,

Шунидам ҳама, ҳар чи[5] гуфтӣ ба шоҳ,
В-аз он пас кашидан сипаҳро[6] ба роҳ.

Ҳамон ҳадяи шоҳу паймони ту,
Ба Пирони солору фармони ту.

Фиристода омад ба туронсипоҳ
Гузин пури ту Геви лашкарпаноҳ.[7]

В-аз он пас, ки савганд хӯрдӣ ба шоҳ,
Ба хуршеду моҳу ба тахту кулоҳ,

Ки гар чашми ман дар гаҳи корзор
Ба Пирон фитад, з-ӯ барорам димор.

Чу шери жиён лашкар оростӣ.
Ҳаме б-орзу ҷанги мо хостӣ.

Кунун аз паси кӯҳ чун мустаманд
Нишастӣ ба кирдори ғурми нажанд.

---

1. И - тирагӣ
2. И -Биёмад ба.
3. И-у дидаш.
4. И-барманиш.
5. И-ҳама ҷо.
6. И-ҷо сипаҳ баркашидӣ.
7. И-б. 522 нест.

www.sattor.com

Чунон ҳамчу нахчир, к-аз наррашер
Гурезону шер аз пас- андар далер,

Гузинад ба беша-дарун ҷои танг,
Наҷӯяд зи тимори ҷон ному нанг.

Яке лашкаратро ба Ҳумон[1] гузор,
Чӣ дорӣ сипоҳ аз паси[2] кӯҳсор?

Чунин буд[3] паймонт бо шаҳрёр,
Ки бар кина дар[4] кӯҳ гирӣ ҳисор?"

Бад-ӯ гуфт Гударз, к- "Андеша кун,
Ки бошад сазо бо ту гуфтан сухун.

Чу посух наёбӣ кунун з-анҷуман,
Ба бедонишӣ барниҳӣ он ба ман.

Ту бишнав,*[5] ки аз шоҳ фармони ман
Ҳаме буд савганду паймони ман.

Кунун к-омадам бо сипоҳи гарон,
Аз Эрон гузида диловар сарон.

Шумо ҳам ба кирдори рӯбоҳи пир-
Ба беша-дар аз бими нахчиргир.

Ҳаме чора созеду дастону банд,
Гурезон зи гурзу синону каманд.

Далерӣ макун, ҷанги моро махоҳ,
Ки рӯбоҳ бо шер н-ояд ба роҳ".

Чу Ҳумон зи Гударз посух шунид,
Чу шер андар он размгаҳ[6] бардамид.

1. И-ҳомун.
2. И- сипаҳро сӯи.
3. И-ҷуз ин нест.
4. И-кинагаҳ.
5. М-бишнос.
6. И-овардгаҳ.

www.sattor.com

Ба Гударз гуфт: “Ар наёӣ ба ҷанг,
Ту бо ман на з-он аст, к-ояд-т нанг.

Аз он пас, ки ҷанги Пашан дидаӣ,
Сар аз размн туркон бипечидаӣ.

Ба Лодан ба ҷанг озмудӣ маро,
Ба овардгаҳ-дар ситудӣ маро.

В-ар эдун, ки ҳаст ин ки гӯӣ ҳаме
В-аз ин гуфта кирдор ҷӯӣ ҳаме.

Яке баргузин аз миёни сипоҳ,
Ки бо ман бигардад ба овардгоҳ,

Ки ман бо Фарибурзу Руҳҳом ҷанг
Биҷустам ба сони диловар наҳанг.

Бигаштам саросар ҳама анҷуман
Наёмад зи гурдон касе пеши ман.

Ба Гударз буд банди пайкорашон,
Шунидан наарзид гуфторашон.

Ту онӣ, ки гӯӣ ба рӯзи набард
Ба ханҷар кунам лола бар кӯҳ зард.

Яке бо ман эдар ба[1]*[2] ин кинагоҳ
Бигардад ба гурзи гарон кинахоҳ.

Фаровон писар дорӣ, эй номвар,
Ҳама баста бар ҷанги мо-бар камар.

Якеро ба пеши ман овар ба ҷанг,
Агар ҷангҷӯӣ, чӣ ҷӯӣ диранг?”

Бас андеша кард андар он паҳлавон,
Ки пешаш кӣ ояд ба ҷанг аз гавон.

1. И- ояд бар.
2. М-эдун.

www.sattor.com

Гар аз номдорон ҳизарби дамон
Фиристам ба наздики ин бадгумон,

Шавад кушта, Ҳумон бар ин размгоҳ,
Зи туркон наёяд касе кинахоҳ.[1]

Дили паҳлавоншон бупечад зи дард,
В-аз он пас ба тундӣ наҷӯяд набард.

Сипоҳаш ба кӯҳи Канобад шавад,
Ба ҷанг- андарун дасти мо бад шавад.

В-ар аз номдорони ин анҷуман
Яке[2] кам шавад, гум шавад номи ман.

Шикаста шавад дил ялонро ба ҷанг,
Насозанд аз он пас ба ҳомун диранг.

Ҳамон беҳ, ки бо ӯ насозем кин,
Бар ӯ - бар бубандем роҳи камин.[3]

Магар чира*[4] гарданду ҷӯянд*[5] ҷанг,
Сипоҳ эдар ояд аз он ҷои танг.

Чунон дод посух ба Ҳумон, ки рав,
Ба гуфтор тундиву дар кор нав.

Чу дар пеши ман баркушодӣ забон,
Бидонистамат ошкору ниҳон.

Касеро зи туркон набошад хирад,
К-аз андешаи хеш ромиш барад.

Надонӣ, ки шери жиён рӯзи ҷанг
Наёлояд аз хуни рӯбоҳ ҷанг.

---

1. И-б. 549-553 нест.
2. И- касе.
3. И-б. 588 нест.
4. М-хира.
5. М-созанд.

www.sattor.com

Ва дигар ду лашкар чунин сохта,
Ҳама ҷангро гардан афрохта.*[1]

Ба кина ду тан пеш созанд ҷанг,
Ҳама номдорон бихоянд ҷанг.

Сипаҳро ҳама пеш бояд шудан,
Ба андӯҳ захме бибояд задан.

Ту акнун сӯи лашкарат боз шав,
Барафроз гардан ба солори нав,

К-аз эрониён чанд ҷустам набард,
Назад пеши ман кас ҷуз аз боди сард,

Бар ин размгаҳ бар шавад номи ту,
Зи Пирон бароянд ҳама коми ту.

Бад-ӯ гуфт Ҳумон ба бонги баланд,
Ки “Гурдон кадоманду солор чанд?

Яке достон аз ҷаҳондор шоҳ
Ба ёд оварам андар ин*[2] размгоҳ,

Ки тахти каён ҷуст хоҳӣ, маҷӯй,
Чу ҷӯӣ, зи оташ мабартоб рӯй.

Туро орзу ҷангу пайкор нест,
В-агар гулчинӣ, роҳ бехор нест.

Надорӣ аз эшон яке шермард,
Ки бо ман кунад пеши лашкар набард.

Ба чора ҳаме боз гардониям,
Нагирам фиребат агар дониям”.

Ҳама номдорони пархошҷӯй
Ба Гударз гуфтанд, к-”Ин аст рӯй,

1. М-ҳамон бодпоён сар афрохта.
2. М-ман бад ин.

www.sattor.com

Ки аз мо якеро ба овардгоҳ
Фиристӣ ба наздики ӯ кинахоҳ”.

Чунин гуфт Гударз, к-”Имрӯз рӯй
Надорад шудан ҷангро пеши ӯй”.

Чу Ҳумон зи гуфтор баргашт сер,
Барошуфт бар сони шери далер.

Бихандиду рӯй аз сипаҳбад битофт,
Сӯи рӯзбонони лашкар шитофт.

Камонро ба зеҳ карду з-эшон чаҳор
Бияфканд з-асп андар он марғзор.

Чу он рӯзбонони лашкар зи дур
Бididанд захми сарафроз тур,

Раҳаш боз доданду бугрехтанд,
Ба овард бо ӯ наёвехтанд.

Ба боло баромад ба кирдори маст,
Хурӯшаш ҳаме кӯҳро кард паст.

Ҳаме найза баргошт бар гурз сар,
Ки Ҳумони Висаст*[1] пирӯзгар.

Хурӯшидани нои рӯин зи дашт
Баромад, чу найза зи боло бигашт.

Зи шодӣ далерони туронсипоҳ
Ҳаме*[2] тарг суданд бар чарху моҳ.

Чу Ҳумон баромад бар он чирагӣ,
Бупечид Гударз аз он хирагӣ.

Сипаҳдор аз он шарм гашта дижам,
Гирифта бар ӯ хашму тундӣ ситам.[3]

1. М- гурд.
2. М-сари.
3. И-б. 589 нест.

www.sattor.com

Зи нанг аз далерон биполуд хай,
Сипаҳбад яке ахтар афканд пай,

К-аз эшон буд*[1] ин пешдастӣ ба хун,
Бад ояд ҳаме бар бадӣ раҳнамун.

Ва-аз он пас ба гарданкашон бингарид,
Ки то ҷанги ӯро кӣ ояд падид.

ОГОҲ ШУДАНИ БЕЖАН АЗ КИРДОРИ ҲУМОН

Хабар шуд ба Бежан, ки Ҳумон чу шер
Ба пеши ниёи ту омад далер.

Зи ҳар сӯ чапи лашкару дасти рост
Зи гарданкашон ҳамнабардон бихост.[2]*[3]

Нарафт аз далерон касе пеши ӯй,
Ба тундиву байғора баргошт рӯй.

Бикушт аз саворони лашкар чаҳор
Ба хок- андар афкандашон хору зор.

Барошуфт бар хештан чун паланг,
Набарди варо тез карда ду чанг.[4]

Бифармуд, то барниҳоданд зин*[5]
Бар он пилпайкар ҳаюни гузин.

Бипӯшид румизиреҳ ҷангро,
Сабук танг барбаст шабрангро.

Ба пеши падар шуд пур аз кимиё,
Сухан гуфт бо ӯ зи баҳри ниё.[6]

1. М-будӣ.
2. И-б. 594 нест.
3. М-Баромад, зи гарданкашон кина.
4. И-99 нест.
5. М-Бад-он бораи пилтан рӯзи кин.
6. И-яке.

www.sattor.com

Чунин гуфт мар Гевро, к-”Эй падар,
Нагуфтам туро ман ҳама[1] дар ба дар?

Ки Гударзро ҳуш кеҳтар[2] шудаст,
Набинӣ, ба оин,[3] ки дигар шудаст.

Дилаш пурниҳеб асту пурхун ҷигар,
Зи бас дарду тимори[4] чандон*[5] писар,

Ки аз тан сароншон ҷудо гашта буд,
Ҳама размгаҳ сар ба сар кушта буд.

Нишон он, ки турке биёмад далер
Миёни далерон ба кирдори шер.

Ба пеши ниё рафт найза ба даст,
Ҳаме бархурӯшид бар сони[6] маст.

Чунон буд, к-аз он лашкари номдор
Саворе набуд аз дари корзор,

Ки ӯро ба найза барафрохтӣ,
Чӣ[7] бар бобзан мурғ барсохтӣ.

Ту эй меҳрбон боби[8] бисёрҳуш,
Ду китфам[9] ба диръи Сиёвуш бипӯш.

Нашояд ҷуз аз ман, ки бо ӯ набард
Кунад, то барорад зи мардиш гард”.

Бад-ӯ гуфт Гев: “Эй писар, ҳуш дор,
Ба гуфтори ман як замон[10] гӯш дор,

---

1. И- Туро ман бигуфтам ҳаме.
2. И-камтар.
3. И-Ба дониш бубинӣ
4. ИМ-Зи тимор в-аз дарди.
5. М-чандон
6. ИМ-чун пили.
7. М-Чу.
8. И-марди.
9. И-китфам.
10. ИМ-сар бар сар.

www.sattor.com

Бигуфтам туро ман, ки тезӣ макун,
Ба Гударз- бар бад магардон сухун,

Ки ӯ кордида-сту донотар аст,
Бар ин лашкари номвар меҳтар аст.

Саворони ҷангиш пеш - андаранд,
Ҳама кинаи*[1] пилро дарх(в)аранд,

Нафармуд бо ӯ касеро набард,*[2]
Ҷавонӣ магар мар туро хира кард,

Ки гардан бад-ин сон барафрохтӣ,
Бад-ин орзу пеши ман тохтӣ.

Наям ман бад-ин кор ҳамдостон,
Мазан низ пешам аз ин достон".

Бад-ӯ гуфт Бежан, ки "Гар коми ман
Наҷӯӣ, нахоҳӣ ҳаме номи ман.

Шавам пеши солор баста камар,
Занам даст бар ҷанги Ҳумон ба бар".

В-аз он ҷо бизад аспу баргошт рӯй,
Ба наздики Гударз шуд пӯяпӯй.

Ситоишкунон пеши ӯ шуд ба дард,
Ҳама достон сар ба сар ёд кард,

Ки "Эй паҳлавони ҷаҳондор шоҳ,
Шиносои ҳар кору зебои гоҳ.

Шигифтӣ ҳаме бинам*[3] аз ту яке,
В-агарчанд ҳастам ба ҳуш андаке,

1. М-кинагаҳ.
2. М-Дилу ҷони ман мекунӣ пур зи дард.
3. М- Саросема бинам ман.

www.sattor.com

Ки[1] ин размгаҳ бӯстон сохтӣ,
Дил аз кини туркон бипардохтӣ.

Ба ҳафтум фароз омад ин рӯзгор,
Шабу рӯз осоиш омад, на кор,

Ки хуршед шамшери гурдон надид,
На гарде ба рӯи ҳаво бардамид.[2]

Шигифтитар он, к-аз миёни сипоҳ
Яке турки бадбахти гумкардароҳ

Биёмад, ки Яздони некидиҳиш
Ҳаме бад сиголид бар бадкуниш,

Биёвардаш аз пеши туронсипоҳ
Бад-он то ба дасти ту гардад табоҳ,

Ба домомада гӯр бугзоштӣ,
Надонам, к-аз ин дар чӣ пиндоштӣ.

Бар онӣ, ки гар хуни ӯ бедиранг-
Бирезанд, Пирон наёяд ба ҷанг.

Маяндеш, к-ӯ кина беш оварад,
Сипаҳро бад-ин дашт пеш оварад.

Ман инак ба хун ҷангро шустаам[3],
Ҳамон ҷанги[4] ӯро камар бастаам.

Чу дастур бошад маро паҳлавон,
Шавам пеши ӯ чун ҳизабри дамон.

Бифармояд акнун сипаҳбад ба Гев,
Магар, к-он силеҳи Сиёвахши нев,

1. И-к-аз.
2. ТПЗМ - Ба ман гӯй, то ман шавам сӯи ҷанг,
Камарро бубандам дар ин ҷанг танг.
3. И-хуни ҷигар ҳастам.
4. И-хуни.

www.sattor.com

Диҳад мар маро таргу румизиреҳ,
Зи бандаш кушояд якояк гиреҳ”.

Чу бишнид Гударз гуфтори ӯй,
Бидид он дилу рои ҳушёри[1] ӯй,

Зи шодӣ бар ӯ офарин кард сахт,
Ки “Аз ту магардод ҷовид бахт!

Ту то барнишастӣ ба зини паланг,
Наҳанг аз дам осуду шерон зи ҷанг.

Ту худ ҳеч гуна наёсоиё
Ба ҳар разму ҳар кор пеш оиё.[2]

Ба ҳар корзор - андар оӣ далер,
Ба ҳар ҷанг[3] пирӯз бошӣ чу шер.

Нигаҳ кун, ки бо ӯ ба овардгоҳ
Тавонӣ шудан, з-он пас овард хоҳ.

Ки Ҳумон яке бадкуниш Риман аст,
Ба овард чун кӯҳ дар ҷавшан аст.

Ҷавониву ногашта бар сар сипеҳр,
Надорӣ ҳаме бар тани хеш меҳр.

Бимон то яке размдида ҳизабр,
Фиристам ба ҷангаш чу ғурранда абр.

Бар ӯ тирборон кунад чун тагарг,
Ба сар-бар бидӯзад-ш пӯлодтарг.

Бад-ӯ гуфт Бежан, ки “Эй паҳлавон,
Ҳунарманд бояд диловар ҷавон.

Маро гар надидӣ ба разми Фуруд,
Кунун боз бояд зи сар озмуд.

1. И-бедори.
2. И-б. 640 нест.
3. И-кор.

www.sattor.com

Ба ҷанги Пашан барнаваштам замин,
Надида касе пушти ман рӯзи кин.

Маро зиндагонӣ на андарх(в)ар аст,
Гар аз дигаронам ҳунар камтар аст.

В-агар боздорӣ маро з-ин сухун
Бар ин*[1] рӯй, к-оҳанги Ҳумон макун,

Бинолам ман аз паҳлавон пеши шоҳ,
Нахоҳам камар з-ин сипас, на кулоҳ".

Бихандид Гударзу з-ӯ шод шуд,
Ба сони яке сарви озод шуд.

Бад-ӯ гуфт: "Некахтару бахт Гев,
Ки фарзанд бинад ҳаме чун ту нев!

В-аз он рӯзи фаррух маро ёд бод,
Ки аз модари пок Бежан бизод.

Ту то ҷангро боз кардӣ ду ҷанг,
Фурӯ монд аз ҷанг чанги паланг.

Туро додам ин ҷанги Ҳумон кунун,
Магар бахти некат бувад раҳнамун.

Ба номи ҷаҳондор Яздони мо,
Ба пирӯзии шоҳи гурдони мо,

Ки ин аҳриманро ба дасти ту ҳуш
Барояд, ба фармони Яздон бикӯш.[2]

Бигӯям кунун Гевро, к-он зиреҳ,
Ки Бежан ҳаме хоҳад, ӯро бидеҳ.

В-ар эдун, ки пирӯз бошӣ бад-ӯй,
Туро бештар назди ман обрӯй.

---

1. М- Бад-он.
2. ТПЗ - Шикаста шавад пушти Пирон ба ҷанг,
Насозад ба ному накӯшад ба нанг.

www.sattor.com

Зи Фарҳоду Гева̄т барорам зи чоҳ
Ба ганҷу сипоҳу ба тахту кулоҳ”.

Бигуфт ин сухан бо набера ниё,
Набера пур аз банду пуркимиё.

Пиёда шуд аз аспу рӯи замин
Бибӯсиду бар боб[1] кард офарин.

Бихонд он замон Гевро паҳлавон,
Сухан рафт*[2] бо ӯ зи баҳри ҷавон.

В-аз он хусравонизиреҳ ёд кард,
Куҷо хост Бежан зи баҳри набард.

Чунин дод посух падарро писар[3]
Ки “Эй паҳлавони ҷаҳон сар ба сар,

Маро ҳушу ҷону ҷаҳон ин якест,
Ба чашмам чунин ҷони ӯ хор нест.

Нахоҳам-ш кардан зи чашмам ҷудо,
Фиристодан андар дами аждаҳо”.[4]

Бад-ӯ гуфт Гударз, к-”Эй меҳрбон,
Ҷуз ин кард бояд бар ӯ-бар гумон,*[5]

Ки ҳарчанд Бежан ҷавон асту нав,
Ба ҳар кор дорад хирад пешрав.

Ва дигар, ки ин ҷои кин[6] ҷустан аст,
Ҷаҳонро зи оҳарманон*[7] шустан аст.

1. И-бисёр.
2. М-гуфт.
3. И-писар бар падар.
4. И-б. 669 нест...
5. М-Макун ту бад-ин кор ранҷа равон.
6. И-хун.
7. М-Ба хун рӯи гетӣ гаҳи.

www.sattor.com

Ба кини Сиёвуш ба[1] фармони шоҳ
Нашояд ба пайванд кардан[2] нигоҳ.

В-агар борад аз меғ пӯлодтеғ,
Нашояд, ки дорем ҷонро*[3] дареғ,

Набояд шикастан дилашро ба ҷанг,
Напӯшид бояд бар ӯ ному нанг,

Ки чун коҳилӣ пеша[4] гирад ҷавон,
Бимонад манишпасту тираравон”.

Чу посух чунин ёфт, чора набуд,
Яке бо писар низ панд озмуд.

Магар боз дорад сарашро*[5] зи ҷанг,
Писар гуфт: “Номам дарорӣ ба нанг”.

Ба Гударз гуфт: “Эй ҷаҳонпаҳлавон,
Ба ҷое, ки пайкор хезад ба ҷон,

На фарзанд бояд, на ганҷу сипоҳ,
На озарму фармони солору шоҳ.

Маро рӯзгори дурушт аст пеш,
Ҷаро дод бояд бад-ӯ*[6] ҷони хеш?!

Агар ҷанг ҷӯяд, силеҳаш куҷост,
Зиреҳ дорад, аз ман чӣ бояд-ш хост?”

Чунин гуфт пеши падар ҷангсоз,
Ки “Моро ба дирӯи ту н-омад[7] ниёз.

1. И-Сиёҳвахшу.
2. И-ки доранд ҷонро.
3. М-Набояд, ки дорем аз ин ҷон.
4. И-пеш.
5. М-гардонадаш сар.
6. М-Ҳаме.
7. И-набвад.

www.sattor.com

Бар онӣ, ки андар ҷаҳон сар ба сар
Ба диръи ту ҷӯянд мардон ҳунар.

Чу диръи Сиёвуш набошад ба ҷанг
Наҷӯянд гарданкашон ному нанг”.

Барангехт асп аз миёни сипоҳ,
Ки ояд зи лашкар ба овардгоҳ.

ДОДАНИ ГЕВ ДИРЪИ СИЁВУШ БА БЕЖАН

Чу аз пеши лашкар шудаш нопадид,
Дили Гев аз андӯҳи ӯ бардамид.

Пушаймон шуд, аз дарди дил хун гирист,
Нигар, то ғаму меҳри фарзанд чист.

Ҳаме б-осмон барфарозид сар,
Пур аз хун дил аз дарду хаста ҷигар.

Ба додор гуфто, ҷаҳондоварӣ,
Сазад, гар*[1] бад-ин хастадил бингарӣ,

Насӯзӣ ту аз баҳри Бежан дилам,
К-аз оби мижа пой андар гилам.

Ба ман боз бахшаш ту, эй кирдгор,
Бигардон зи ҷонаш бади рӯзгор.

Биёмад пурандеша дил паҳлавон,
Пур аз хун дил аз кори пури*[2] ҷавон.

Ба дил гуфт, хира биёзурдамаш,
Чаро хоста пеш н-овардамаш.

Гар ӯро зи Ҳумон бад ояд ба сар
Чӣ бояд маро диръу теғу камар.[3]

1. М-Бибояд.
2. М-баҳри рафта.
3. И-хӯду сипар.

www.sattor.com

Бимонам пур аз дарду андӯҳу[1] хашм,
Пурозор з-ӯ дил, пур аз об чашм.

В-аз он ҷо давон[2] ҳам ба кирдори гард
Ба пеши писар шуд ба ҷои набард.*[3]

Бад-ӯ гуфт: “Моро чӣ дорӣ ба танг,
Ҳаме тезӣ орӣ ба ҷои диранг?

Сияҳмор чандон дамад рӯзи ҷанг,
Ки аз жарфи дарё барояд наҳанг.

Дурахшидани моҳ чандон бувад,
Ки хуршеди тобанда пинҳон бувад.

Кунун сӯи Ҳумон шитобӣ ҳаме,
Зи фармони ман сар битобӣ ҳаме.

Чунин баргузинӣ ҳаме рои хеш,
Надонӣ, ки чун оядат кор пеш”.

Бад-ӯ гуфт Бежан, ки “Эй некбоб,
Диламро зи кини Сиёвуш матоб,

Ки Ҳумон на аз рӯю на з-оҳан аст,
На пили жиёну на оҳарман аст.

Яке марди ҷанг асту ман ҷангҷӯй,
Аз ӯ барнатобам ба бахти ту рӯй.

Навишта магар бар сарам дигар аст,
Замона ба дасти[4] ҷаҳондовар аст.

Агар буданӣ буд, дилро ба ғам
Сазад гар надорӣ, набошӣ дижам”.

1. И - ҳасрату дарду.
2. И-дамон.
3. М-диле пур зи дард.
4. И - амри.

www.sattor.com

Чу бишнид гуфтори пури далер,
Миён бастаи ҷанг бар сони шер.

Фуруд омад аз бораи роҳҷӯй,
Супурд аспу диръи Сиёвуш бад-ӯй,

Бад-ӯ гуфт: “Агар корзорат ҳавост,
Чунин бар хирад коми ту подшост,

Бар ин бораи гомзан барнишин,
Ки зери ту андар навардад замин.

Силоҳам ҳам эдун ба кор оядат,
Чу бо аҳриман корзор оядат”.

Чу аспи падар дид бар пой пеш
Чу бод андаромад зи раҳвори хеш.

Бипӯшид диръи Сиёвахши рад,
Зиреҳро гиреҳ бар камарбанд зад.[1]

Бар он бораи хусравӣ барнишаст,
Камар басту бигрифт гурзаш[2] ба даст.

Яке тарҷумонро*[3] зи лашкар биҷуст,
Ки гуфтори туркон бидонад дуруст.

Биёмад ба сони ҳижабри жиён,[4]
Ба кини Сиёвуш камар бар[5] миён.

Чу Бежан ба наздики Ҳумон расид,
Яке оҳанин кӯҳи ҷӯшанда[6] дид.

Зи ҷавшан ҳама дашт равшан шуда,
Яке пил дар зери ҷавшан шуда.*[7]

---

1. И-б. 714.
2. И-найза.
3. М-тарҷумонаш.
4. И-Ҳизабри дамон.
5. И-баста.
6. И-ҷӯшида.
7. М-сиёвахш баста.

www.sattor.com

В-аз он пас бифармуд,то тарҷумон
Яке бонг барзад бар он бадгумон,

Ки гар ҷанг ҷӯӣ ҳаме, боз гард,
Ки Бежан ҳаме бо ту ҷӯяд набард.

Ҳаме гӯяд, эй размдида савор,
Чӣ тозӣ ту асп андар ин марғзор,

К-аз Афросиёб андаройӣ ба бад,
Зи Туронзамин[1] бар ту нафрин сазад.

Ту кина пайафкандиву*[2] бадхуӣ,
Зи Турон гунаҳгортар кас туӣ.

Зи Яздон сипосу ба Яздон паноҳ
К-ат овард пешам дар ин размгоҳ.

Инон боз каш з-ин таковар ҳаюн,
К-ат акнун зи кина биҷӯшид хун.

Яке баргузин ҷойгоҳи набард,
Ба дашту дару кӯҳ бо ман бигард.

В-агар дар миёни дурӯя сипоҳ,
Бигардӣ ҳаме аз паи*[3] ному ҷоҳ,

Куҷо душману дӯст бинад туро,
Зи гарданкашон*[4] баргузинад туро*.

Чу бишнид Ҳумон, бихандид сахт,
Чунин дод посух, ки “Эй шӯрбахт,

Бас эмин шудӣ бар тани хеш-бар,
Магар серӣ омад танатро зи сар?

1. И-тurониён.
2. М-паи кина афкандӣ.
3. М-ба лоф аз паи.
4. М-дил акнун куҷо.

www.sattor.com

Бад-он сон ба лашкар фиристам-т боз,
Ки Гев аз ту гардад ба дарду гудоз.

Саратро зи тан дур монам на дер,
Чунон, к-аз таборат фаровон далер.

Ба ҷанги ман-андар ба сони тазарв,
Ки бозаш барад бар сари шохи сарв.

Хурӯшону хун аз ду дида чакон,
Канон пар ба чанголу*[1] хунаш макон.

Чӣ суд аст, к-омад ба наздик шаб,
Рав акнун[2] ба зинҳори торикшаб.

Ман акнун яке боз лашкар шавам,
Ба шабгир наздики меҳтар шавам.

В-аз он ҷо дамон гардан афрохта
Биёям набарди туро сохта".

Чунин посухаш дод[3] Бежан, ки "Шав
Пасат гоҳ бод аҳриман пешрав.[4]

Чу фардо биёӣ ба овардгоҳ,
Набинад туро боз шоҳу сипоҳ.

Саратро чунон дур монам зи ҷой,[5]
К-аз он пас лашкар наёяд-т рой.

В-аз он ҷойгаҳ рӯй баргоштанд,
Ба шаб дашти овард бугзоштанд.

Ба лашкаргаҳи хеш боз омаданд,
Бари паҳлавонон фароз омаданд.

---

1. М-Канон гӯшти бозӯву.
2. И-эдар.
3. И-посух овард.
4. ТПЗИМ - Ҳама душманам сар ба сар кушта бод,
   В-ар овора аз ҷанг баргашта бод.
5. И-пой

www.sattor.com

Ҳама шаб ба хоб андар осебу шеб,
Зи пайкорашон дил шуда ношикеб.

ОМАДАНИ ҲУМОН БА ҶАНГИ БЕЖАН

Сапеда чу аз кӯҳсар бардамид,*[1]
Шуд он домани тирашаб нопадид.*[2]

Бипӯшид Ҳумон силеҳи набард,
Сухан пеши Пирон ҳама ёд кард,

Ки ман Бежани Гевро хостам,
Ҳама шаб ҳаме ҷангаш оростам.

Яке тарҷумонро зи лашкар бихонд,
Ба гулгуни бодовараш барнишонд.

Биёмад дар он ҷои овардгоҳ,
Ба Бежан ниҳода ду чашмаш ба роҳ.[3]

Ҳам андар замон Бежан омад дамон,
Басечидаи разм бо тарҷумон.

Ба пушти шабоҳанг барбаста танг,
Чу ҷангипаланге гурозон ба ҷанг.

Зиреҳ низ карда ба бар паҳлавӣ,
Дурахшон сар аз миғфари хусравӣ.[4]

Ба Ҳумон чунин гуфт, к-"Эй бодсор,
Бибурдӣ зи ман дӯш сар ёдгор.

---

1. М-кӯҳ сар баркашид.
2. М-Шаб он домани тирагун баркашид.
3. ИМ-б. 749 нест;
   ТПЗМ - Бирав пеши Бежан, бигӯяш, ки зуд
   Биёӣ дамон то ман оям чу дуд.
   Фиристода баргашту бо ӯ бигуфт,
   Ки бо ҷони покат хирад бод ҷуфт.
   Сипаҳдор Ҳумон биёмад чу гард,
   Бад-он то зи гурдон чӣ ҷӯяд набард.
4. И-б. 752 нест.

www.sattor.com

Умед астам имрӯз, к-ин теғи ман[1]
Саратро чунон бугсилонад зи тан,

Ки бар хок хезад зи хуни ту гил,
Яке достон андарорӣ ба дил,

Ки бо оҳуе гуфт ғурми жиён,
Ки гар дашт гардад ҳама парниён,

Зи доме ки пои ман озод гашт,
Напӯям бад-он сӯ, туро бод дашт”.

Чунин гуфт Ҳумон, ки “Имрӯз Гев
Бимонад ҷигархастаи пури нев.

Ба кӯҳи Канобад кунӣ корзор,
Ва ё сӯи Райбад баророй кор,

Ки фарёдрасмон набошад зи дур
На з-Эрон ба ёрӣ кас ояд, на Тур.

Бад-ӯ гуфт Бежан, ки “То кай сухун,
Куҷо хоҳӣ, оҳанги овард кун!”

Барангехтанд аспу бархост гард,
Ба зеҳ барниҳода камони набард.

Ду хунӣ барафрохта сар ба моҳ,
Чунон кинавар гашта аз хуни шоҳ.

Зи кӯҳи Канобад бурун тохтанд,
Сарон сӯи ҳомун барафрохтанд.

Ба даште расиданд, к-андар замӣ
Надиданд ҷои паи одамӣ.

На бар осмон каргасонро гузар,
На хокаш сипарда паи шери нар.

1. И- теғзан.

www.sattor.com

Зи ду лашкар аз ёру фарёдрас
Ба пероман- андар надиданд кас.

Ниҳоданд паймон, ки бо тарҷумон
Набошанд бар хирагӣ бадгумон.

Зи мо ҳар кӣ ёбад раҳоӣ ба ҷон,
Нагирад ба дил кина бо[1] тарҷумон.

Бад-он то баду нек бо шаҳрёр
Бигӯяд*[2] аз ин гардиши рӯзгор,

Ки кирдор чун буду пайкор чун,*[3]
Ба разм-андарун кору кирдор чун.

Бигуфтанду з-аспон фуруд омаданд,
Ба банди зиреҳ-бар гиреҳ барзаданд.

Ба аспони ҷангӣ саворони ҷанг
Ба кина*[4] кашиданд[5] чун санг танг.

Чу бар бодпоён бубастанд зин,
Пур аз хашм гурдону дил пур зи кин.[6]

Камонҳо чу боист, барсохтанд,
Ба майдони ҷанг-андарун тохтанд.

Зи пайкони пӯлоду тири ханданг
Камон гӯша бар гӯша суданд*[7] танг.

Чу тир он чи буд, андарандохтанд,
Ҳам эдун сӯи найза пардохтанд.

Чапу рост гардону печон инон
Або найзаи обдодасинон.

---

1. ИМ - кинаи.
2. М-Бигӯянд.
3. М-Чӣ зорӣ расид андар он дашти хун.
4. М-Бар он сон.
5. И-касе баркашиданд.
6. И-Кашиданд гурдон ҳама теғи кин.
7. М-Камонро ҳама гӯша бар гӯша.

www.sattor.com

Зиреҳшон даромад ҳама лахт-лахт,
Нигар, то киро рӯз баргашту бахт.

Даҳоншон чу шер аз таби[1] монда боз,
Ба обу ба осоиш омад ниёз.

Пас осуда гаштанду дам барзаданд,
Бар он оташи тез нам барзаданд.

Сипар баргирифтанду шамшери тез
Ту гуфтӣ, ки он рӯз буд[2] растахез.

Чу барқи дурахшанда аз тирамеғ
Ҳаме оташ афрӯхт аз таргу теғ

Зи оҳан бар ин оҳани обдор
Наёмад ба захм - андарун пойдор.

Ба кирдори оташ парандаварон
Фурӯ рехт аз ҷанги кундаварон.

Набуд дастрасшон ба хун рехтан,
Нашуд сер дилшон зи овехтан.

Амуд аз паси теғ бардоштанд,
Аз андоза пайкор бугзоштанд.

В-аз он пас бар он барниҳоданд кор,
Ки зӯр озмоянд дар корзор.

Бар он гуна ҷустанд нангу набард,
Ки аз пушти асп андароранд мард.

Камарбанд гирад, киро зӯр беш,
Рабояд зи асп, афканад зери хеш.

Зи нерӯи гурдон дуволи рикеб
Гусист андар овардгоҳ аз ниҳеб.

1. -тапиш.
2. И-Баромад хурӯшидани.

www.sattor.com

Ҳам эдун нагаштанд аз аспон ҷудо,
Набуданд бар якдигар подшо.

Пас аз асп ҳарду фуруд омаданд,
Зи пайкор якбора дам барзаданд.

Гирифта ба даст аспашон тарҷумон
Ду ҷангӣ ба кирдори шери жиён.

Бад-он мондагӣ боз бархостанд,
Ба гуштӣ гирифтан биёростанд.

Зи шабгир то соягустарди шед
Ду хунӣ[1] бар он сон ба биму умед.

Ҳаме разм ҷустанд бо якдигар,
Якеро зи кина набаргашт сар.

Даҳон хушку ғарқа шуда тан дар об,
Зи ранҷу зи тобидани офтоб.

В-аз он ҷо ба дастурии якдигар
Бирафтанд пӯён[2] сӯи обх(в)ар.

Бихӯрд обу бархост Бежан ба дард,
Зи додори некидиҳиш ёд кард.

Тан аз дард ларзон чу аз бод бед,
Дил аз ҷони ширин шуда ноумед.

Ба Яздон чунин гуфт, к-"Эй кирдгор,
Ту донӣ ниҳони ману ошкор.[3]

Агар дод бинӣ ҳаме ҷанги ман,
В-аз ин ҷустани кину оҳанги ман,

Зи ман магсил имрӯз тӯши маро,
Нигаҳ дор бедор ҳуши маро"!

1. И- ҷангӣ.
2. И- ҳарду.
3. И - Бигардон зи ҷонам бади рӯзгор.

www.sattor.com

КУШТА ШУДАНИ ҲУМОН БА ДАСТИ БЕЖАН

Ҷигархаста Ҳумон биёмад чу зоғ,
Сияҳ гашта аз дарду дил пур зи доғ.*[1]

Бад-он хастагӣ боз ҷанг омаданд,
Гурозон ба сони паланг омаданд.

Ҳаме зӯр кард ин бар он, он бар ин,
Гаҳ онро бисудӣ, гаҳ инро замин.

Зи ҳар гуна зӯр озмуданду банд,
Фароз омад он банди чархи баланд.

Зи Бежан фузун буд Ҳумон ба зӯр,
Ҳунар айб гардад, чу баргашт ҳур.[2]

Бизад даст Бежан ба сони паланг,
Зи сар то ба пояш биёзид чанг.

Гирифташ ба чап гардану рост рон,
Хам овард пушти ҳаюни гарон.

Баровардаш аз ҷою бинҳод паст,
Сӯи*[3] ханҷар овард чун бод даст.

Фурӯ бурд, сар кардаш аз тан ҷудо[4],
Фикандаш ба сони яке аждаҳо.

Биғалтид Ҳумон ба хок-андарун,
Ҳама дашт шуд сар ба сар ҷӯи хун,

Нигаҳ кард Бежан бад-он пилтан
Фиканда чу сарви саҳӣ бар чаман.

---

1. М - рӯяш чу дуди чароғ.
2. Л-бари бахти шӯр.
3. М- Сари.
4. И-з-ӯ шуд чу дарёи.

www.sattor.com

Шигифт омадаш сахту баргашт аз ӯй,*[1]
Сӯи кирдгори ҷаҳон кард рӯй,*[2]

Ки эй бартар аз ҷойгоҳу замон,
Тӯи, бартар аз гардиши осмон.[3]

Туӣ ту, ки ҷуз ту ҷаҳондор нест,
Хирадро бар ин кор пайкор нест.

Маро з-ин ҳунар сар ба сар баҳра нест,
Ки бо пил кин ҷустанам заҳра нест.

Ба кини Сиёвуш буридам-ш сар
Ба ҳафтод хуни бародарпадар.

Равонаш равони маро банда бод,[4]
Ба ҷанголи шерон танаш[5] канда бод.[6]

Сарашро ба фитроки шабранг баст,
Танашро ба хок-андар афканд паст.

Кушода силеҳу гусиста камар,
Танаш ҷои дигар, дигар ҷой сар.[7]

Замона саросар фиреб асту бас,
Набошад ба сахтит*[8] фарёдрас.

Ҷаҳонро намоиш чу кирдор нест,
Бад-ӯ дил супурдан сазовор нест.

Чу шуд кори Ҳумони Виса табоҳ,
Дамон[9] тарҷумонони ҳарду сипоҳ

---

1. М-сахт баргашт аз ӯ.
2. М-рӯ.
3. Л-Зи ҷони сухангӯю равшан равон.
4. Л-шуд.
5. Л-Бежан сараш.
6. Л-шуд.
7. Л-б. 823 нест.
8. М-сахтеш.
9. ИЛ-Давон.

www.sattor.com

Ситоишкунон пеши Бежан шуданд,
Чу пеши бути Чин[1] бараҳман шуданд.

Чу Бежан нигаҳ кард аз он размгоҳ,
Набудаш гузар ҷуз ба туронсипоҳ.

Битарсид аз анбӯҳи мардумкушон,
Ки ёбанд аз кори эшон нишон.

Ба ҷанг андароянд бар сони кӯҳ,
Басанда набошад магар бо гурӯҳ.

Бароҳехт диръи Сиёвуш зи сар,
Бипӯшид хафтони Ҳумон ба бар.

Бар он чармаи пил яксар[2] нишаст,
Дурафши сари номдорон ба даст.

Бирафту бар он ҷой кард офарин,
Бар он бахти бедору фаррухзамин.

Битарсид аз ӯ, ёри Ҳумон чу дид,
Ки бар меҳтараш-бар чунон бад расид.

Бад-ӯ гуфт Бежан: “Матарс аз газанд,
Ки паймон ҳамон асту он аст панд.

Ту акнун сӯи лашкари хеш пӯй,
Зи ман ҳар чи дидӣ, бад-эшон бигӯй.

Бишуд тарҷумон, Бежан омад дамон,
Ба кӯҳи Канобад ба зеҳ-бар камон.

Чу он дидабонони туркон зи дур
Дурафшу синони сипаҳдори Тур

1. Л-Замин бӯсадодан.
2. ИЛ-пилпайкар.

www.sattor.com

Бидиданд, аз[1] дида бархостанд,
Ба шодӣ хурӯшидан оростанд.

Талоя ҳаюне барафканд зуд,
Ба наздики Пирон ба кирдори дуд,

Ки Ҳумон ба пирӯзии шаҳрёр
Дамон*[2] омад аз маркази корзор.

Дурафши сарафрози Эрон нагун,
Танаш хору дар хок ғарқа ба хун.[3]

Ҳама лашкараш[4] баргирифта хурӯш,
Ба Ҳумон ниҳода сипаҳдор гӯш.

Чӣ шодӣ, ки навмедӣ орад ба марг,
Аз он пас биборад ба сар-бар тагарг.

Ба Турон расид он замон тарҷумон,
Бигуфт, он чи дид аз бади бадгумон.

Ҳамон гаҳ ба Пирон расид огаҳӣ,
Ки тира шуд он фарри шоҳаншаҳӣ.

Ғиревидан омад зи туронсипоҳ,
Зи сар баргирифтанд гурдон кулоҳ.

Ҷаҳон тира шуд, рӯшноӣ набуд,
Наёмад бар он хира гуфтор суд.

Чу Бежан миёни ду рӯя сипоҳ,
Расид андар он сояи тахти шоҳ.

Сабук шердил гурди лашкарпаноҳ,[5]
Нагунсор кард он дурафши сиёҳ.

1. И-аз он.
2. М-давон.
3. И-б. 842 нест.
4. И-меҳтарон.
5. Л-Бежан андар миёни сипоҳ.

www.sattor.com

Пас*[1] он дидабонони эронсипоҳ
Нагун ёфтанд он дурафши сиёҳ.

Сӯи паҳлавон рӯй баргоштанд,
В-аз он дидагаҳ наъра бардоштанд.

В-аз он ҷо ҳаюне ба сони наванд
Талоя сӯи паҳлавон барфиканд,

Ки Бежан ба пирӯзӣ омад чу шер,
Дурафши сияҳро сар оварда зер.

Чу девонагон Гев гашта навон
Ба ҳар сӯ[2] хурӯшону ҳар сӯ давон.

Ҳаме огаҳӣ ҷуст аз он невпур,
Басе[3] мотам овард ҳангоми сур.

Пас[4] огоҳӣ омад зи Бежан бар ӯй,*[5]
Давон сӯи фарзанд бинҳод рӯй.

Чу чашмаш ба рӯи гиромӣ расид,
Зи асп андаромад, чунон чун[6] сазид.

Биғалтиду бар хок бинҳод сар,
Ҳаме офарин хонд бар додгар.

Гирифташ ба бар боз фарзандро,
Ҷавони далеру хирадмандро.

В-аз он ҷо дамон сӯи солори шоҳ
Ситоишкунон баргирифтанд роҳ.

Чу диданд мар паҳлавонро зи дур,
Набера фуруд омад аз пушти бур.

1. М-Чу.
2. Л-кас.
3. ИМ-Ҳаме.
4. И-Чу.
5. М-Бад-ӯй
6. И-к-аш.

www.sattor.com

Пур аз хун силеҳу пур аз хок сар,
Сари гурд Ҳумон ба фитрок-бар.

Силеҳу сару аспи Ҳумони гурд
Ба пеши сипаҳдор Гударз бурд.

Зи Бежан чунон шод шуд паҳлавон
Ки гуфтӣ барафшонд хоҳад равон.

Гирифт офарин пас ба додор-бар,
Бар он ахтару бахти бедор-бар.

Ба ганҷур фармуд пас паҳлавон,
Ки тоҷ ор бо ҷомаи хусравон.

Гуҳар бофта пайкару бум зар,
Дурафшон чу хуршед тоҷу камар.

Даҳ асп оваридаш ба зарринлагом
Парирӯи зарринкамар даҳ ғулом.

Бад-ӯ дод гуфт: “Эй гави наррашер,*[1]
Кас ин аждаҳоро наёвард зер.

Кушодӣ сипаҳро бар ин теғу даст,
Дили шоҳи туркон ба ҳам баршикаст.

Ҳама лашкари мо ба кирдори шер,
Давону дамон бодпоён ба зер.

ШАБЕХУН КАРДАНИ НАСТЕҲАН ВА КУШТА ШУДАНИ Ӯ

В-аз он рӯй Пирон пур аз дарду хашм
Дил аз дард хаста, пур аз об чашм

Ба Настеҳан он гаҳ фиристод кас,
Ки эй номвар гурди фарёдрас,

1. М-аз гаҳи Соми шер.
2. М-Наёвард кас аждаҳоро ба зер.

www.sattor.com

875 Сазад, гар кунӣ ҷангро тез чанг,
Ба хуни[1] бародар насозӣ диранг.

Бар эрониён-бар шабехун кунӣ,
Заминро ба хун рӯди Ҷайҳун кунӣ.

Бубар даҳ ҳазор озмуда савор
Миёнбаста бар кинаи корзор.

Магар кини Ҳумон ту боз оварӣ,
Сари душманонро ба гоз оварӣ"[2]

Бад-ӯ гуфт Настеҳан: "Эдун кунам,
Ки аз хун замин ҳамчу Ҷайҳун кунам".

880 Ду баҳра чу аз тирашаб даргузашт,
Зи ҷӯши саворон биҷӯшид дашт.

Гирифтанд туркон ҳама тохтан,
Бад-он тохтан гардан афрохтан.

Чу Настеҳан он лашкари кинахоҳ
Биёвард наздики Эронсипоҳ,

Сапедадамон ӯ[3] ба ҷое расид,
Ки аз дидагаҳ дидабонаш бидид.[4]

Яке бонг зад сӯи корогаҳон,
Ки омад сипоҳе зи Турон дамон.[5]*[6]

885 Чу корогаҳон огаҳӣ ёфтанд,
Сабук сӯи Гударз биштофтанд,

---

1. ИЛМ - кини.
2. ИЛЗ-пас аз б. 878 ин б. омада:
   Чу рафтӣ бо наздики лашкар фароз,
   Сипаҳро яке сӯи Ҳомун навоз.
3. Л-Сапедадамонро.
4. И-б. 883 нест.
5. ИЛ-б. 884 нест.
6. М-б. 884 нест.

www.sattor.com

Ки омад сипоҳе чу оби равон,
Ки[1] гӯӣ надоранд гӯё забон.

Бад-он сон, ки расми шабехун бувад,
Сипаҳдор донад, ки ӯ чун бувад.

Ба лашкар бифармуд пас паҳлавон,
Ки “Бедор бошеду равшанравон.

Ҳама гӯш доред овозашон,
Ки то кай биёяд зи лашкар нишон.[2]

Бихонд он замон Бежани Гевро,
Ҳамон[3] теғзан паҳлави[4] невро.

Бад-ӯ гуфт нек ахтару коми ту,
Шикаста дили душман аз[5] номи ту.

Бубар, ҳар кӣ бояд зи гурдони ман,
Аз ин номдорону мардони ман.

Пазира шав ин тохтанро чу шер,
Сипеҳр андаровар ба мардӣ ба зер.

Гузин кард Бежан зи лашкар савор
Далерони пархошҷӯён ҳазор.

Расиданд пас як ба дигар фароз,
Ду лашкар пур аз кинаву размсоз.

Ҳама гурзҳо баркашиданд пок
Яке абр баст аз дари тирахок.

Фуруд омад аз абр гарди сиёҳ,
Бипӯшид дидори туронсипоҳ.

1. ЛМ-Ту. И-бисоз.
2. ИЛ-б. 889 нест.
3. И-Або.
4. ИЛ-лашкари.
5. ИЛ-душманон.

www.sattor.com

Сипаҳбад чу он гарди тира бидид,
К-аз ӯ лашкари турк шуд нопадид.

Камонро бифармуд кардан ба зеҳ,
Баромад хурӯшидани гиру деҳ.*[1]

Чу Бежан ба Настеҳан андаррасид,
Дурафши сари висагонро бидид.[2]

Яке тир бар аспи Настеҳано
Расид аз кушоди бари Бежано.

Зи дард андаромад таковар ба рӯй,
Расид андар ӯ Бежани номҷӯй.

Амуде бизад, к-он сари таргдор
Тиҳӣ монд аз мағзу баргашт кор.

Чунин гуфт Бежан ба эрониён,
Ки “Ҳар, к-ӯ бубандад камар бар миён,

Ба ҷуз гурзу шамшер гирад ба даст,
Камон бар сараш бар кунам*[3] пок паст,

Ки туркон ба дидан паричеҳраанд,
Ба ҷанг-андарун пок бебаҳраанд.

Далерӣ гирифтанд кундоварон*[4]
Кашиданд яксар парандоварон.

Ҳаво сар ба сар гашта зангоргун,
Замин шуд ба кирдори дарёи хун.[5]

Чу пилон ҳама дашт бар якдигар
Фиканда, зи танҳо ҷудо карда сар.

1. М-аз кеҳону зи меҳ.
2. И-б.900 нест.
2. ЛМ-Вале аз ҳунар.
3. М-бишканам бар сараш.
4. М-эрониён.
5. Л-б 908 нест.

www.sattor.com

Зи туркон ду баҳра фитода нагун
Ба зери паи асп ғарқа ба хун.[1]

Аз ин размгаҳ то ба туронсипоҳ
Дамон аз пас андар гирифтанд роҳ.

Чу Пирон надид он замон бо сипоҳ
Бародар, бар ӯ гашт гетӣ сиёҳ.

Ба корогаҳон гуфт: “Аз ин размгоҳ
Ҳаюне ки тозад ба эронсипоҳ,

Нишоне биёрад зи Настеҳанам
В-агарна ду дида зи сар[2] барканам”.

Ҳаюне бурун тохтанд он замон,
Бирафту бидиду биёмад дамон,

Ки Настеҳан инак бад-он размгоҳ
Або номдорони туронсипоҳ,[3]

Бурида сар, афканда бар сони пил,
Тан аз гурз хаста ба кирдори нил.

Чу бишнид Пирон, баровард ҷӯш,
Намонд он замон бо сипаҳдор ҳуш.[4]

Ҳаме канд мӯю ҳаме рехт об,
В-аз ӯ дур шуд хӯрду орому хоб.

Бизад дасту бидрид румиқабой,
Баромад нурӯшидани ҳой-ҳой.

Ҳаме гуфт, к-эй кидгори ҷаҳон,
Баромад, ки бо ту будастам ниҳон.

1. Л-б. 910 нест.
2. Л-бун.
3. Л-916 нест.
4. Л-тӯш.

www.sattor.com

Ки бишкастӣ*[1] аз бозувон зӯри ман,
Чунон тира шуд ахтару ҳури ман.

Дареғ он ҳизабрафкани гурдгир
Далеру ҷавону савору*[2] ҳажир.[3]

Бародар гиромитар аз ҷони ман,[4]
Сари висагон гурд Ҳумони ман.

Чу Настеҳан он шери шарза ба ҷанг,
Ки рӯбоҳ будӣ ба чангаш паланг.

Киро ёбам акнун бад-ин размгоҳ,
Ба ҷанг андаровард бояд сипоҳ.

Бизад нои рӯину барбаст кӯс,
Ҳаво нилгун шуд, замин обнус.

Зи кӯҳи Канобад бурун шуд сипоҳ,
Бишуд рӯшноӣ зи хуршеду моҳ.[5]

Сипаҳдори Эрон бизад каррной,
Сипоҳ андароварду бигрифт ҷой.

Миёни сипаҳ коваёнӣ дурафш
Ба пеш-андарун теғҳои бунафш.

Ҳама номдорони пархошхар
Або найзаву гурзаи говсар.

Сапедадамон андаромад сипоҳ,
Ба пайкор то гашт гетӣ сиёҳ.[6]

---

1. М-бугсастӣ.
2. М-ҷавонмарду гурду.
3. И-б. 922, 923 нест.
4. ИЛМ -Гиромибародар, ҷаҳонбони ман.
5. ТПЗ - Чу аз кӯҳ яксар бурун тохтанд,
Ба Ҳомун ба пайкор пардохтанд.
6. ТПЗ - Бикарданд ҷанге, ки чун он нишон
Надоданд гурдону гарданкашон.

www.sattor.com

Шабонгаҳ сӯи хайма рафтанд боз,
Ду лашкар пур аз кинаву ҷангсоз.[1]

Сипаҳдори Эрон ба Райбад расид,
Аз андеша кардан дилаш н-орамид.

Ҳаме гуфт, к-имрӯз разми гарон
Бикардему куштем аз эшон сарон.

Гумоне барам ман, ки Пирон кунун
Давонад сӯи шоҳи Турон ҳаюн.

В-аз ӯ ёр хоҳад ба ҷангам сипоҳ,
Расонам кунун огаҳӣ ман ба шоҳ.

ЁРӢ ХОСТАНИ ГУДАРЗ АЗ ХУСРАВ

Нависандаи номаро хонду гуфт,
"Баровард хоҳам сухан аз нуҳуфт.

Агар баркушоӣ ду лабрози банд,
Забон оварад бар сарат-бар газанд".

Яке нома фармуд наздики шоҳ,
Ба огоҳ кардан зи кори сипоҳ.

Ба Хусрав намуд он куҷо рафта буд,
Сухан ҳарчи Пирон бад-ӯ гуфта буд.

Фиристодани Геву пайванду меҳр
Намудан бад-ӯ кори гардонсипеҳр.

Зи посух, ки ӯ дода буд Гевро,
Бузургони фарзонаи Невро.

В-аз он лашкаре к-аз пасаш чун паланг
Ба кӯҳи Канобад даромад[2] ба ҷанг.

1. ИЛ-933 нест.
2. ЛМ - Биёвард сӯи Канобад.

www.sattor.com

В-аз он пас куҷо размгаҳ сохтанд,
Аз он разм дилҳо бипардохтанд.

Зи Ҳумону Настеҳани ҷангҷӯй
Саросар ҳама ёд кард андар ӯй.

Зи кирдори Бежан ба рӯзи набард,
Ки бо гурздорони Турон чӣ кард.

Сухан сар ба сар он куҷо рафта[1] буд,
Ба нома- дарун яксар ӯро намуд.[2]

Бипардахт аз он пас ба Афросиёб,
Ки бо лашкар омад ба наздики об.

Гар ӯ аз лаби рӯди Ҷайҳун сипоҳ
Ба Эрон гузорад бад-ин размгоҳ,

Ту донӣ, ки бо ӯ надорем пой,
Аё шоҳи Эрон, ҷаҳонкадхудой.

Магар Хусрав ояд ба пушти сипоҳ
Ба сар барниҳад мар гавонро[3] кулоҳ.

В-ар эдун, ки Пирон кунад даст пеш,
Нахоҳад сипаҳ ёвар аз шоҳи хеш.

Ба Хусрав расад з-он сухан[4] огаҳӣ,
Ки бо ӯ чӣ созад ба бахтат раҳӣ.

Ва дигар,*[5] ки аз Рустами девбанд
Зи Луҳросп в-аз Ашкаши ҳушманд,

Зи кирдори эшон ба кеҳтар хабар
Расонад магар шоҳи пирӯзгар.

1. ИЛ-чун ҳама гуфта.
2. Л-Зи пайкор ҷанг ончунон рафта буд.
3. И-барниҳода бузургон.
4. ИЛ-ҳадис.
5. М-В-ар эдун

www.sattor.com

Чу нома ба мӯҳр андароварду банд
Бифармуд, то бар сутури наванд

Нишастангаҳи хусравӣ сохтанд,
Фаровон таковар бурун тохтанд.

Бифармуд, то рафт пешаш Ҳаҷир,
Ҷавоне ба кирдори ҳушёрпир.

Бигуфт ин сухан сар ба сар паҳлавон
Ба пеши ҳушивор пури ҷавон.

Чунин гуфт, к- “Эй пури ҳушёрдил,
Яке тез гардон бар ин кор дил.

Агар ҳаргизат назди ман дастгоҳ
Ҳаме ҷуст бояд, кунун аст гоҳ.

Чу бистонӣ ин нома, андар замон
Бирав ҳам ба кирдори боди дамон.

Шабу рӯз м-осою сар бармахор,
Бубар номаи ман бари шаҳрёр.

Ба падруд кардан гирифташ ба бар,
Бурун омад аз пеши фаррух падар.

Зи лашкар зи хешон ду танро бихонд,
Сабукшон бар аспи таковар нишонд.

Бурун шуд зи пардасарои падар,
Ба ҳар манзиле-бар ҳаюне дигар.

Хӯру хобу оромашон бар сутур
Чи торик шабро, чи тобанда ҳур.

Бар ин гуна пӯён ба роҳ омаданд,
Ба ҳафтум ба*[1] наздики шоҳ омаданд.

1. М- Ба як ҳафта.

www.sattor.com

Чу аз роҳи Эрон баромад савор,
Кас омад бари Хусрави номдор.

Пазира фиристод Шаммохро
Чи моя далерони густохро.

Бипурсид, чун дид рӯи Ҳаҷир,
Ки “Эй паҳлавонзодаи шергир,

Чӣ будаст боре ки бас ногаҳон
Расидӣ ба даргоҳи шоҳи ҷаҳон?”

Бифармуд, то парда бардоштанд,
Бар аспаш зи даргоҳ бугзоштанд.

Ҳаҷир андаромад, чу Хусрав бад-ӯй
Нигаҳ кард, молид бар хок[1] рӯй.

Фаровон бипурсиду биншохташ,
Бари*[2] хештан ҷойгаҳ сохташ,[3]

Зи Гударз в-аз меҳтарони сипоҳ,
Зи ҳар кас якояк бипурсид шоҳ.

Дуруди бузургон ба Хусрав расонд,[4]
Ҳама кори лашкар бад-ӯ боз ронд.[5]

Бад-ӯ дод пас номаи паҳлавон,
Ҷавони хирадманду равшанравон.

Нависандаи номаро пеш хонд,[6]
Бифармуд, то нома бар вай бихонд.[7]

1. И-пешаш бимолид.
2. М-Сӯи.
3. Л-б. 976 нест.
4. И-бибод; Л-бихонд.
5. И-кард ёд.
6. Л-Нависандаро пеш биншонданд.
7. Л-бархонданд.

www.sattor.com

Чу бархонд нома ба Хусрав дабир,
Зи ёқути рахшон даҳони Ҳаҷир

Биёганду з-он пас ба ганҷур гуфт,
Ки “Динору дебо биёр аз нуҳуфт!”

Биёвард бадра, чу фармон шунид,[1]
Ҳаме рехт, то шуд сараш нопадид.

Яке даст зарҷомаи шаҳрёр
Биёвард бо тоҷи гавҳарнигор.

Ҳам эдун бибурданд пеши Ҳаҷир,
Або зини заррин даҳ аспи ҳужир.

Ба ёрон-ш - бар хилъат афканд низ
Дирам доду динору[2] ҳар гуна чиз.

Аз он тахт бо шоҳ бархостанд,
Нишастангаҳи май биёростанд.

Ҳаҷиру бузургони хусравпараст
Гирифтанд яксар ҳама май ба даст.

Нишастанд як рӯзу як шаб ба ҳам,
Ҳаме рой зад Хусрав аз бешу кам.[3]

Ба шабгир Хусрав сару*[4] тан бишуст,
Ба пеши ҷаҳондор омад нахуст.

Бипӯшид нав ҷомаи бандагӣ,
Ду дида чу абре ба борандагӣ.

Дуто кард пушту фурӯ бурд сар,
Ҳаме офарин кард*[5] бар додгар.

1. Л-расид.
2. И-гавҳар зи.
3. Л-б. 989 нест.
4. М-Ҳама.
5. М-хона.

www.sattor.com

Аз ӯ хост пирӯзиву фаррахӣ,
Аз ӯ ҷуст дайҳиму тахти меҳӣ.

Ба Яздон бинолид аз Афросиёб,
Ба дард аз ду дида фурӯ рехт об.

В-аз он ҷо биёмад чу сарви саҳӣ,
Нишаст аз бари гоҳ бо фаррахӣ.

ПОСУХИ НОМАИ ГУДАРЗ АЗ ХУСРАВ

Дабири хирадмандро пеш хонд,
Суханҳои шоиста бо ӯ биронд.

Чу он номаро боз посух навишт,
Падид оварид андар он хубу зишт.

Нахуст офарин кард бар паҳлавон,
Ки ҷовид бодиву равшанравон.

Хуҷаста сипаҳдори бисёрҳуш,
Ҳамаш рою дониш, ҳамаш ҷангу ҷӯш.

Худованди кӯполу теғи бунафш,
Фарозандаи ковиёнӣ дурафш.

Сипос аз ҷаҳондори Яздони мо,
Ки пирӯз гаштанд гурдони мо.

Чу ахтар туро рӯшноӣ намуд,
Зи душман баровард ногоҳ дуд.

Нахуст он ки гуфтӣ, ки мар Гевро,
Бузургони фарзонаи невро

Ба наздики Пирон фиристодаам,
Чи моя варо пандҳо додаам.

Напазруфт бад гавҳараш панди ман,
Наҷуст андар он кор пайванди ман.

www.sattor.com

Сипаҳбад яке достон зад бар ин,
Ки дастур пешаш баровард кин,

Ки ҳар кеҳтаре к-он бадӣ хостаст,*[1]
Зи некӣ бупечад, равонкостаст.*[2]

Маро з-ин сухан пеш буд огаҳӣ,
Ки Пирон зи кина нагардад тиҳӣ.

Валекин ман аз хуб кирдори ӯй,
Наҷустам ҳаме жарф пайкори ӯй.

Кунун ошкоро намуд он сипеҳр,
Ки Пирон ба Турон гирояд ба меҳр.

Набинад ҷаҳон ҷуз ба Афросиёб,
Дилашро ту аз меҳри ӯ барматоб,

Ки ӯ*[3] бар хирад[4] баргузинад ҳаво,
Ба кӯшиш нарӯяд зи хоро гиё.

Ту бо душман ар хуб гуфтӣ, равост,
Аз озодагон хуб гуфтан сазост.

Ва дигар зи пайкори ҷанговарон,
Куҷо ёд кардӣ ба гурзи гарон.

Зи некахтару гардиши ҳуру моҳ,
Зи кӯшиш намудан бар он размгоҳ.

Маро ин дуруст аст, к-аз коркард
Ту пирӯз бошӣ ба дашти набард.[5]

---

1. М - Ки ҳар к-ӯ ба меҳраш равон костаст,
2. М - Зи некӣ ба бадахтарӣ охтаст.
3. М-Гар.
4. Л-гар ӯ бихирад.
5. ТПЗ - Набера куҷо чун ту дорад ниё,
Ба ҷанг- андарун бошадаш кимиё.
Зи шерон чӣ зояд, магар шарзашер
Чунон чун падар номдору далер.
Ба бедор бар нест пайкори ту,
Басандаст Яздон нигаҳдори ту.

www.sattor.com

Ту зӯру далерӣ зи Яздон шинос,
Чунин дон в-аз ӯ дор яксар сипос.

Се дигар, ки гуфтӣ, ки Афросиёб
Сипаҳро ҳаме бугзаронад зи об.

Зи Пирон фиристода шуд назди ӯй,
Сипаҳбад ба Пирон ниҳодаст рӯй.

Чунин[1] аст яксар, ки гуфтӣ сухун,
Кунун боз посух фикандем бун.

Бидон, эй пурандеш ҳушёри ман,
Ба ҳар кор шоиста солори ман,

Ки ӯ бар лаби рӯди Ҷайҳун диранг
На з-он кард, к-ояд сӯи мо ба ҷанг,

Ки Хоқон бар ӯ лашкар орад зи*[2] Чин,
Фароз омадаш аз ду рӯя камин.

Ва дигар к-аз он лашкари бекарон
Пароканда[3] бар гирди туронсарон.

Чу Рустам паноҳи ялон рӯзи ҷанг,*[4]
Чу Лӯҳросп, чун Ашкаши тезчанг.

Бар ӯ душман омад зи ҳар сӯ падид,
Аз он бар лаби рӯд лашкар кашид.

Гар аз ҷойгаҳ ӯ ниҳад пой пеш,
Ба душман супорад ҳама ҷои хеш.[5]

Ба панҷум сухан к-огаҳӣ хостӣ,
Ба меҳри гавон дил биёростӣ,

1. ИЛ-ҳамин.
2. М-кучо лашкар овард аз сӯи.
3. Л-пароканда.
4. М-Чу Рустам сипаҳбад даманда наҳанг.
5. ИЛ-б. 1027 нест.

www.sattor.com

Бидон, эй сипаҳдору огоҳ бош,
Ба ҳар кор бо бахт ҳамроҳ бош.

Ба роҳе,[1] ки шуд Рустами шермард,
Баромад зи Ҳинду зи Кашмир[2] гард.

В-аз он сӯй рафт Ашкаши тезҳуш,
Баромад зи Хоразм яксар хурӯш.

Ба разм - андарун Шеда баргашт аз ӯй,
Сӯи шаҳри Гурганҷ бинҳод рӯй.[3]

В-аз он сӯ, ки Лӯҳросп шуд бо сипоҳ,
Ҳама меҳтарон баркушоданд роҳ.

Алонони Ғуз гашт пардохта,
Шуд он подшоҳӣ ҳама сохта.

Гар Афросиёб андарояд ба роҳ,
Зи Ҷайҳун бар ин сӯ гузорад сипоҳ,

Бигиранд гарданкашон пушти ӯй,
Намонад ба ҷуз бод дар мушти ӯй.

Ту бишнос, к-ӯ шаҳри ободи хеш,
Бару буму фархунда бунёди хеш

Ба гуфтори Пирон намонад ба ҷой,
Ба душман диҳад, гар*[4] ниҳад пеш пой.

Наҷунбонад ӯ достонро ду лаб,
Ки н-ояд ба ман з-ӯ хабар рӯзу шаб.

Бад-он рӯз ҳаргиз мабодо дуруд,
Ки ӯ бугзаронад сипаҳро зи рӯд!

1. И-к-аз он сӯ.
2. И-Зи Кашмиру Кобул баровард.
3. Л-б. 1032 нест.
4. М-супорад.

www.sattor.com

Ба мо - бар кунад пешдастӣ ба ҷанг,
Набинад кас ин[1] рӯзи торику танг!

Бифармоям акнун ки бар пил кӯс
Бубандад даманда сипаҳдор Тус.

Деҳистону Гургону он буму бар
Бигирад, барорад ба хуршед сар.

Ман андар паи Тус бо пилу гоҳ
Биёям, биёрам ба ёрӣ[2] сипоҳ.

Ту аз ҷанги Пирон[3] мабартоб рӯй,
Сипаҳро биёрою пас ҷанг ҷӯй.

Чу Ҳумону Настеҳан аз пушти ӯй
Ҷудо шуд, ғам ангор дар мушти ӯй.

Гар аз номдорони Эрон набард
Биҷӯяд, зи фармони ӯ бармагард.

Чу Пирон набарди ту ҷӯяд далер,
Макун баддилӣ пеши ӯ рав чу шер.

Ба пайкор м-андеш аз Афросиёб,
Ба ҷой ор дил, рӯй аз ӯ барматоб.

Бар-эшон ту пирӯз бошӣ ба ҷанг,
Магар дил надорӣ бар ин кор танг.

Чунин аст умедам, ки аз рӯзгор
Диҳад шодмонӣ маро кирдгор.

Ҳам эдун гумонам ки чун ман зи роҳ
Ба пушти[4] сипоҳ андарорам сипоҳ,

---

1. И-он.
2. И-Биёрам ба ёрӣ ба пушти: Л-паёпай.
3. ИЛМ - туркон.
4. Л-танги.

www.sattor.com

Бар эшон шумо ронда бошед ком,
Ба хуршеди тобон бароварда ном.[1]

Зи Тусу зи[2] Ковус назди сипоҳ
Дуруди фаровон фиристода шоҳ.

Бар он нома бинҳод Хусрав нигин,
Фиристодаро доду кард офарин.

ЛАШКАР ОРОСТАНИ ХУСРАВ

Чу аз пеши Хусрав бурун шуд Ҳаҷир,
Сипаҳбад ҳаме рой зад бо дабир.

Зи бас меҳрубонӣ, ки буд бар сипоҳ,
Саросар ҳама разм буд рои шоҳ.

Ҳаме гуфт: “Агар лашкар Афросиёб
Биҷунбонад аз ҷою бугзорад об,

Сипоҳи маро бугсилонад зи ҷой,
Маро рафт бояд чунин[3] аст рой.

Ҳамон гаҳ шаҳи Нӯзаронро бихонд,
Бифармуд, то тез лашкар биронд.

Ба сӯи Деҳистон сипаҳ баркашид,
Ҳама дашти Хоразм лашкар кашид.

Нигаҳбон Ашкаш[4] бувад рӯзи ҷанг,
Ба ҷанг-андар ояд ба сони паланг.

Табира баромад зи даргоҳи Тус
Хурӯшидани ною рӯинакӯс.

Сипоҳу сипаҳбад барафтан гирифт,
Замин сумми аспон нуҳуфтан гирифт.

1. ТХЗ - Сипаҳ бошад аз ҷанг пардохта,
Бувад корҳо сар ба сар сохта.
2. Л- Зи наздики.
3. ИЛ- Ҳамин.
4. ИЛМ - лашкар.

www.sattor.com

Ту гуфтӣ, ки хуршеди гардон[1] ба пой
Бимонд аз ниҳеби саворон ба ҷой.

Ду ҳафта ҳаме ронд з-он[2] сипоҳ,
Ки шуд рӯшноӣ зи хуршеду моҳ.

Пароканда[3] бар гирди гетӣ[4] хабар
Зи ҷунбидани шоҳи пирӯзгар.[5]

Чу Тус аз дари шоҳи Эрон бирафт,
Сабук шоҳ рафтан басечид тафт.

Або сад[6] ҳазор аз гузидасарон
Ҳама паҳлавонони кундоварон

Ба наздики Гударз бинҳод рӯй
Або номдорони пархошҷӯй.

Або пилу бо кӯсу бо фарраҳӣ,
Або тоҷу бо тахти шоҳаншаҳӣ.

Ҳаҷир омад аз пеши Хусрав дамон,
Гурозону тозону дил шодмон.[7]

Або хилъату хубиву хуррамӣ,[8]
Ту гуфтӣ*[9] ҳаме барнавардад[10] замӣ.

Чу омад ба наздики пардасарой,
Баромад хурӯшидани каррной.

1. - тобон.
2. И- ҳамерафт аз Эрон.
3. И- пароканд.
4. И-кишвар.
5. ИМ - фирӯзгар.
6. И-даҳ.
7. И-хандон.
8. Л-фарраҳӣ.
9. М-гӯй.
10. Л-ҳаме дарнавардад.

www.sattor.com

Пазира шудандаш меҳон[1]*[2] сар ба сар,
Ҳаме меҳтарон баста зарринкамар.[3]*[4]

Чу омад бари номвар паҳлавон,
Бигуфт, он чи дид аз шаҳи хусравон.

Навозидани шоху пайванди ӯй,
Ҳаме гуфт озодиву панди ӯй,

Ки чун бар сипаҳ густаридаст меҳр,
Чи гуна зи пайғом букшод чеҳр.[5]

Пас он номаи шаҳрёри ҷаҳон
Ба Гударз доду дуруди меҳон.*[6]

Навозидани шоҳ бишнид *[7] аз ӯй,
Бимолид он нома бар чашм ӯй.

Чу букшод мӯҳраш,[8] ба хонанда дод,
Суханҳо бад-ӯ кард хонанда ёд.[9]

Сипаҳдор бар шоҳ кард офарин,
Ба фармон бибӯсид рӯи замин.

Бибуд он шабу рой зад бо писар,
Ба шабгир биншасту букшод дар.

---

1. ТП - дар ЗЛМ ин б. пас аз б. 1075 омадааст, ки муносибтар ба назар менамояд:

   Чу хезад ба чарх - андарун доварӣ,
   Зи моҳу зи ноҳиду аз муштарӣ.
2. М- ҷаҳон.
3. ТПИПМ -ин.б. дар. 3 пас аз б. 1086 омадааст, ки ба назар муносибтар менамояд:

   Биёрост лашкар чу чашми хурӯс,
   Або занги заррину пилону кӯс.
4. М-замин пур зи лола, ҳаво пур зи зар.
5. Л-б. 1078 нест.
6. М-дуруд аз меҳмон.
7. М-бишнуд.
8. И-нома.
9. ТИЗ - Сипаҳ яксара хонданд офарин
   Бар он меҳрубон шаҳрёри замин.

www.sattor.com

Ҳама номдорони лашкар пагоҳ
Бирафтанду бар сар ниҳода кулоҳ.

Пас он номаи шоҳи фаррух Ҳаҷир
Биёварду бинҳод пеши дабир.

Дабир он замон панду фармони шоҳ
Якояк ҳаме хонд пеши сипоҳ.

Сипаҳдор рӯзидеҳонро бихонд,
Ба девони динордодан нишонд.

Зи аспон гала ҳар чи будаш ба кӯҳ,
Ба лашкаргаҳ овард яксар гурӯҳ.

Дари ганҷи динору теғу камар
Ҳамон афсару ҷавшану хӯди зар.

Ба рӯзидеҳон дод яксар калид,
Чу омад гаҳи кина ҷустан падид.

Барафшонд бар лашкар он хоста
Савору пиёда шуд ороста.

Яке лашкаре гашт бар сони кӯҳ,
Замин аз паи бодпоён сутӯҳ.

Дили наррашерон[1] аз эшон ба бим,
Ҳама ғарқа дар оҳану зарру сим.

Бифармудашон ҷангро сохтан,
Дилу гӯш додан ба кин хостан.[2]

Бирафтанд пеши сипаҳбад гурӯҳ
Аз*[3] анбӯҳи лашкар ба кирдори кӯҳ.

1. Л-шермардон.
2. ЛМ - Бифармуд, то ҷангро сохтанд,
Дилу кӯсу дида ба кин охтанд.
3. М- Бар.

www.sattor.com

Бад-эшон нигаҳ кард солормард,
Замин тира дид, осмон лоҷвард.

Чунин гуфт, к-аз гоҳи Ҷамми[1] барин
Наёрост кас лашкаре ҳамчунин.[2]

Ба аспу силеҳу ба симу ба зар,
Ба пилони ҷангиву шерони нар.

Агар ёр бошад ҷаҳонофарин,
Бупечам инонро аз эдар ба Чин.

Чу ин гуфту[3] фарзонагонро бихонд,
Або номдорон ба ромиш нишонд.

Ҳаме хӯрд май шод бо чангу ной,[4]
Ҳаме бо ялон размро кард рой.

НОМАИ ПИРОН БА ГУДАРЗИ КАШВОД

Ба Пирон расид огаҳӣ з-ин сухун,
Ки солори Эрон чӣ афканд бун.

Аз он огаҳӣ шуд дилаш пурниҳеб,
Сӯи чора баргашту банду фиреб.

Зи дастури фархундарой огаҳӣ[5]
Биҷуст андарун[6] ҷустани кин раҳе.[7]

Яке нома фармуд пас, то дабир
Нависад сӯи паҳлавон ногузир.

---

1. Л-ҷам то.
2. Л- размгоҳе чунин.
3. Л-Чу биншаст.
4. Л-Ҳамехӯрд шодикунон дил ба ҷой.
5. ИЛ- он гаҳе.
6. ИЛ-андарин.
7. Л- пас аз б. 1104 ин б. омада:
   Басе рой гуфтанду фарҷоми кор
   Бад-он хатм карданд к-он рӯзгор.

www.sattor.com

Сари нома кард офарини бузург,
Ба Яздон паноҳаш зи деви сутург.

Дигар гуфт, к-аз кирдгори ҷаҳон
Нахоҳам ҳаме ошкору ниҳон,

Магар к-аз миёни дурӯя сипоҳ
Ҷаҳондор бардорад ин кинагоҳ.[1]

Агар ту ки Гударзӣ, ин хостӣ,
Ки кина ба гетӣ*[2] биёростӣ,

Баромад зи гетӣ ҳама коми ту,
Чӣ гӯӣ, чӣ бошад саранҷоми ту?

Нигаҳ кун, ки чандон далерони ман
Зи хешони наздику шерони ман

Тани бесароншон*[3] фикандӣ ба хок
Зи Яздон надорӣ ҳаме тарсу[4] бок.

Зи меҳру хирад рӯй бартофтӣ,
Кунун он чи ҷустӣ, ҳама ёфтӣ.

Гаҳ омад, ки гардӣ аз ин кина сер,
Ба хунрехтан бар набошӣ[5] далер.

Нигаҳ кун, к-аз Эрону Турон савор,*[6]
Чӣ моя табаҳ шуд дар ин корзор.[7]*[8]

Гаҳ омад ки бахшоиш ояд туро,
Зи кин ҷустан осоиш ояд туро.

1. И - кинахоҳ.
2. М-гетӣ ба кина.
3. И-Буридӣ сароншон.
4. Л -шарму.
5. Л-чанд бошӣ.
6. М-сипоҳ.
7. И-б. 1115.
8. М- размгоҳ.

www.sattor.com

Ба кин ҷустани мурдаи нопадид,
Сари зиндагон чанд хоҳӣ бурид?!

Агар боз н-ояд шуда рӯзгор,
Ба гетӣ-дарун тухми кина макор.

Равонат маранҷону магдоз тан,
Зи хун рехтан бозкаш хештан.

Пас аз марг нафрин бувад бар касе,
К-аз ӯ номи зиште бимонад басе.

Ҳар он гаҳ ки мӯи сияҳ шуд[1] сафед,
Ба будан намонад фаровон умед.

Битарсам, ки гар бори дигар сипоҳ
Ба ҷанг-андар ояд дар ин кинагоҳ,

Набинӣ зи ҳар ду сипаҳ кас ба пой,
Бипаррад равон, кина монад ба ҷой.

В-аз он пас кӣ донад, ки пирӯз кист,
Нагунбахт ар гетиафрӯз, кист?

В-ар эдун ки хоҳӣ ту хун рехтан,
Бад ин размгаҳ бо ман овехтан,

Бад-ин сон ҳаме ҷанги шерон кунӣ,
Ҳамон аз паи буми[2] Эрон кунӣ.

Бигӯӣ кунун то ман андар шитоб
Наванде фиристам ба Афросиёб.[3]

Бидон то бифармоядам,[4] то замин
Бубахшему пас дарнавардем[5] кин.

1. Л-бинӣ сияҳро.
2. Л-Шаҳри.
3. И-б. 1126, 1127 нест.
4. И-К-аз он то чӣ фармоядам.
5. И- барнавардем.

www.sattor.com

Чунон чун ба гоҳи Манучеҳршоҳ
Ба бахшиш ҳаме дошт гетӣ нигоҳ.

Ҳар он шаҳр к-аз марзи[1] Эрон ниҳӣ,
Бигӯ то кунемаш зи туркон тиҳӣ.

Аз ободу вайрону ҳар*[2] буму бар
Чӣ фармуд Кайхусрави додгар.[3]

Аз Эрон ба кӯҳ-андар оям нахуст,
Дари Ғурчагон то дари буми Буст.

Дигар Толиқоншаҳр то Форёб
Ҳамедун ба бахш-андарун Андароб.

Дигар панҷ шаҳр аст то Бомиён,
Дигар марзи Эрону ҷои каён.

Дигар Гӯрконони*[4] фархундаҷой,
Ниҳодаст номаш ҷаҳонкадхудой.

Дигар аз дари Балх то[5] Бадхшон,
Ҳамин аст аз ин подшоҳӣ нишон.

Фурӯтар ки аз дашти Омую Зам,
Ҳамэдун ба Хатлон дарояд ба ҳам.

Чу Шингону чун Тирмиду Висагирд,
Бухорову шаҳре, ки ҳасташ ба гирд.

Ҳамэдун бирав то дари Суғд низ,
Наҷӯяд кас он подшоҳӣ ба чиз.

В-аз он сӯ ки шуд Рустами невсӯз,
Супорад бар ӯ кишвари Нимрӯз.

1. Л-шаҳри.
2. М-ҳама.
3. И-б. 1130-1131 нест.
4. М-Гузгонон.
5. И-Мулитон ояду.

www.sattor.com

Зи наздики ӯ боз хоҳам сипоҳ,
Сӯи Бохтар баркушоем роҳ.

Бипардозам ин то дари ҳиндувон,
Надорем торик аз ин пас равон.

Зи Кашмир в-аз Кобулу Қандаҳор
Раворав сӯи Синд ҳам з-ин шумор.

В-аз он сӯ, ки Лӯҳросп шуд ҷангҷӯй,
Алонону он[1] дар супорам бад-ӯй.

В-аз ин марз пайваста то кӯҳи Қоф,
Ба Хусрав супорам абеҷангу лоф[2].

В-аз он сӯ ки Ашкаш бишуд ҳамчунин,
Бипардозам акнун[3] саросар замин.

В-аз он пас ки ин карда бошам ҳама,
Зи ҳар сӯ бари хеш хонам рама.[4]

Ба савганд паймон кунам пеши ту,
К-аз ин пас набошам бадандеши ту.

Бидонӣ ки ман ростӣ хостам,[5]
Ба меҳру вафо дил биёростам.[6]

Сӯи шоҳи Тӯрон[7] фиристам хабар,
Ки моро зи кина бупечид сар.

Ҳамэдун ту[8] наздики Хусрав ба меҳр
Яке нома бинвису букшой чеҳр,

---

1. И-ғуз.
2. Л-б.1144, 1145 нест.
3. Л-Эрон.
4. Л-б. 1147 нест.
5. И- мо оштӣ хостем: ЛМ - хостем.
6. ИЛМ - биёростем.
7. И-туркон.
8. И-ба.

www.sattor.com

К-аз ин аз раҳи меҳр гуфтори ман,
На хун рехтан бо ту пайкори ман.

Чу паймон ҳама карда бошем рост,
Зи ман хоста, ҳар чӣ Хусрав бихост.

Фиристам ҳама сар ба сар назди шоҳ,
Дари кин бубандад магар бар сипоҳ.

В-аз он пас ки он карда бошем низ,
Гаравгон фиристему ҳар гуна[1] чиз.

Бипайвандам аз меҳру оину дин,
Бидӯзам ба дасти вафо чашми кин,

Ки бугсист ҳангоми шоҳи бузург,
Зи бад гавҳари Туру Салми сутург.

Фаридун ки аз дард саргашта шуд,
Кучо Эраҷи номвар кушта шуд.[2]

Ҷуз ин[3] ҳар чӣ бояд, ба некӣ бихоҳ,
В-аз он пас бар ин нома кун назди шоҳ.

Набояд к-аз ин хубгуфтори ман
Гумоне ба сустӣ баранд анҷуман,

Ки ман ҷуз ба меҳр ин нагӯям ҳаме,
Саранҷом некӣ биҷӯям ҳаме.

Маро ганҷу мардон аз они ту беш,
Ба мардонагӣ ном аз они ту пеш.

Валекин бар ин кина ангехтан,
Ба бедод ҳар ҷой хун рехтан.

---

1. ИЛ-фиристодаву дода.
2. Л- Фаридун, ки кеҳтар писар кушта дид,
   Сари Эраҷи номвар гашта дид.
3. ЛМ - зи ман.

www.sattor.com

Бисӯзад ҳаме бар сипаҳ-бар дилам,
Бикӯшам, ки кин аз миён бугсилам.

Ва дигар ки аз кирдгори ҷаҳон
Битарсам ҳаме ошкору ниҳон,

Ки напсандад аз мо бадӣ додгар,[1]
Газофа бипардозад ин буму бар.[2]

Агар сар бупечӣ зи гуфтори ман,
Биҷӯӣ ҳаме жарф пайкори ман.

Гунаҳкор дорӣ маро бегуноҳ,
Нахоҳӣ ба гуфтор кардан нигоҳ.

Куҷо доду бедод пешат якест,
Ҷуз аз кинагустурданат рой нест.

Гузин кун зи гурдони Эрон сарон,
Касе к-ӯ гирояд ба гурзи гарон,

Ҳам эдун ман аз лашкари хеш мард
Гузинам чу бояд зи баҳри набард.

Ҳама як ба дигар фароз оварем,
Саронро сӯи чанг боз оварем.

Ҳам эдун ману ту ба овардгоҳ
Бигардем як бо дигар кинахоҳ.

Магар бегуноҳон зи хун рехтан
Ба осоиш оянд аз овехтан.

Касе к-аш гунаҳгор дорӣ ҳаме,
В-аз ӯ бар дил озор дорӣ ҳаме,

Ба пеши ту орам ба рӯзи набард,
Бибояд-т паймон яке низ кард,

1. ИЛ - кирдгор.
2. ИЛ-рӯзгор.

www.sattor.com

Ки гар ту ба мо[1] даст ёбӣ ба хун,
Шавад бахти гурдони туркон[2] нагун,

Наёзорӣ аз бун[3] сипоҳи маро,
Насӯзӣ бару буму гоҳи маро.

Гузаршон диҳӣ, то ба Турон шаванд,
Каминро насозӣ бар эшон газанд.

В-агар ман бувам бар ту пирӯзгар,
Диҳад мар маро ахтари нек бар,

Насозам бар эрониён - бар камин,
Нагирем хашму наҷӯем кин.

Сӯи шаҳри Эрон диҳам роҳашон,
Гузорам якояк сӯи шоҳашон.

Аз эшон нагардад яке*[4] коста,
Шаванд эмин аз ҷону аз хоста.

В-ар эдун ки з-ин сон наҷӯӣ[5] набард,
Дигаргуна хоҳӣ ҳаме кор кард,

Бар андӯҳ ҷӯӣ ҳаме корзор,
Сипаҳро саросар ба ҷанг андар ор.

Ҳар он хун ки ояд ба кин[6] рехта,
Ту бошӣ бад-он гетӣ овехта.

Бубаст аз бари нома мар бандро,
Бихонд он гаронмоя фарзандро.

Писар буд мар ӯро сари анҷуман,
Ки буд[7] ном Рӯину рӯинатан.

1. ЛМ-ки бар мо ту гар; И-ки бар мо агар.
2. И-Тӯрон; Л-туркон ба як роҳ.
3. И-наёзор з-ин пас.
4. М-касе.
5. Л-к-аз эшон нахоҳӣ.
6. И-кина.
7. ИМ-яке.

www.sattor.com

Бихондаш ки[1] наздики Гударз шав,
Сухан гӯй ҳушёру посух шунав.

Чу Рӯин бирафт аз дари номвар
Фиристода бо даҳ савори дигар,[2]

Биёмад хирадманду равшанравон
Давон то саропардаи паҳлавон.

Биёмад чу Гударзро дид, даст
Ба каш карду сар пеш бинҳод паст.

Сипаҳдор барҷаст, з-он ҷо ки буд,[3]
Ба оғӯш танг андаровард зуд.

Зи Пирон бипурсид в-аз лашкараш,
Зи гурдону аз шоҳу аз кишвараш.

Бизад даст[4] Рӯин, пас он нома пеш
Биёварду бугзорд*[5] пайғоми хеш.

Дабир омаду нома бархонд зуд,
Ба Гударз гуфт, он чи дар нома буд.[6]

Зи бас хуб гуфтору аз панд хуб
Намудан бад-ӯ роҳи пайванд хуб.

Хирадманд Пирон ки дар нома ёд
Чӣ овард в-аз панди некӯ чӣ дод.

Ба Рӯин чунин гуфт пас паҳлавон,
Ки эй пури солору фаррухҷавон.

---

1. И-Бад ӯ гуфт; Л-бигуфташ ки.
2. ТПЗИМ - Чу Рӯини Пирон ба даргаҳ расид,
Сӯи паҳлавони сипаҳ кас давид.
Фиристодаро хонд пас паҳлавон,
Ҳамон чун ба парда даромад ҷавон.
3. ИЛ-барҷасту ӯро чу дид.
4. И-Сабук дошт.
5. М-бугзошт.
6. Л0-б. 1196
ТПЗИ – Чу нома ба Гударз бархонданд,
Ҳама номдорон фурӯ монданд.

www.sattor.com

Ба[1] меҳмони мо буд бояд нахуст,
Пас ин посухи нома бояд-т ҷуст.

Саропардаи нав бипардохтанд
Нишастангаҳи хусравӣ сохтанд.[2]

Пурандеша гашта дили паҳлавон*[3]
Нишаста худу ройзан ҳардувон.*[4]

Пас он номаро посух оростанд,
Сухан ҳарчи некӯтар, он хостанд.

Яке[5] ҳафта Гударз бо руду май
Ҳаме*[6] номаро посух афканд пай.

Зи боло чу хуршеди гетифурӯз
Бигаштӣ, сипаҳбад гаҳи нимрӯз.

Маю руду ромиш*[7] биёростӣ,[8]
Фиристодаро пеши худ хостӣ.

ПОСУХИ НОМАИ ПИРОН БА ГУДАРЗ

Чу як ҳафта бугзашт, ҳаштум пагоҳ
Нависандаи номаро хонд[9] шоҳ.

Бифармуд, то нома посух навишт,*[10]
Дарахте зи кина ба наввӣ бикишт.

Сари нома кард офарин аз нахуст,
Дигар посух овард як-як дуруст,

---

1. ЛМ—ту.
2. ТПЗЛИ – Ба дебои румӣ биёростанд,
   Хушиҳову ромишгарон хостанд.
3. М-он ҷавон.
4. М-Ки то дод чун посухаш паҳлавон.
5. И-ба як.
6. М-Ҳамин
7. М-маҷлис.
8. И-Май оварду ромишгар оростӣ.
9. ИЛ-Нависандаро хонд солори.
10. М-Аз ин номаи.

www.sattor.com

Ки бархондам он номаро сар ба сар
Шунидем гуфтори ту дар ба дар.

Расонид Рӯин бари мо паём
Якояк ҳама, ҳар чӣ бурдӣ ту ном,

Валекин шигифт ояд аз кори ту,
Маро аз чунин хуб гуфтори ту.

Дилат бо забон ҳеҷ ҳамсоя нест,
Равони туро аз хирад моя нест.

Ба ҳар кор чарбӣ ба кор оварӣ,
Суханҳо чунин пурнигор оварӣ.

Касеро ки аз бун набошад хирад,
Гумон бар ту-бар меҳрубонӣ барад.

Чу шӯразаминӣ, ки аз дур об
Намояд, чу тобад бар ӯ офтоб.

Валекин на кори фиреб асту банд
Ба ҳангоми гурзу синону каманд.

Маро бо ту ҷуз кину пайкор нест,
Гаҳи посуху рӯзи гуфтор нест.

Нигар, то чӣ сон гардад акнун сипеҳр,
На ҷои фиреб асту пайванду меҳр.

Киро дод хоҳад ҷаҳондор зӯр,
Киро бардиҳад бахти пирӯзу[1] ҳур,

Валекин аз ин гуфта посух шунав,
Хирад ёр кун, бахтро пешрав.

Нахуст он ки гуфтӣ, ман аз меҳр низ
Зи Яздону аз гардиши растахез

1. Л-бедору.

www.sattor.com

Нахоҳам, ки ояд маро пеш ҷанг,
Дилам гашт аз ин кор торику[1] танг,

Дилат бо забон ошноӣ надошт
Бад-он гаҳ ки ин гуфта бар лаб гумошт,

Ки гар дод будӣ ба дил-т-андарун
Туро пешдастӣ набудӣ ба хун.

Нахустин ки омад ба пеши ту Гев
Бузургони ҳушёру гурдони нев,[2]

Або панду андарзу гуфтори нағз
Бузургони Эрон покизамағз,[3]

Бисозидӣ*[4] ин ҷангро лашкаре
Зи кишвар дамон то дигар кишваре,

Ту кардӣ ҳама ҷангро даст пеш,
Сипаҳро ту баркандӣ аз ҷои хеш.

Хирад к-аз[5] пас омад, зи[6] пеш омадӣ,
Ба фарҷомат ором беш омадӣ.

Валекин сиришти баду хӯи бад
Туро бугзаронад зи роҳи хирад.

Бадӣ худ дар ин[7] тухма дар гавҳар аст,
Ба бад меҳри[8] ин гавҳар андарх(в)ар аст.

Шунидӣ ки бар Эраҷи некбахт*[9]
Чӣ омад зи Тур аз паи тоҷу тахт.

---

1. И-кори бедод.
2. ТПМ - Сухан гуфт худ бо ту аз ҳар даре,
   Зи ҳар номдореву ҳар кишваре.
3. ИЛ-б. 1227 нест.
4. М-Ту соҷидӣ.
5. ИЛ- гар.
6. ИЛ-ту.
7. И-Хӯи бад бад-он.
8. ИЛМ-меҳри бад.
9. М-б. 1238 нест.

www.sattor.com

Бад аз Туру Салм омад андар замин,
Саросар бигустард бедоду кин.

Фаридун ки аз дарди дил рӯзу шаб
Ба нафрин кушодӣ бар эшон ду лаб,

Ба ёрии додори некидиҳиш
Ҳамаш меҳри дил буду ҳам парвариш.

Манучеҳр он кинаро боз хост,
Ба фарри бузургӣ ҷаҳон кард рост.

Агар Тур бад кард, бад дид боз,
Гузашт андарун рӯзгори дароз.[1]

Ба Афросиёб омад он хӯи бад
Аз он номдорони андакхирад.

Зи сар бо Манучеҳр нав кин ниҳод,
Ҳамэдун або Нӯзару Кайқубод.

Ба Ковуси Кай кард худ, он чи кард,
Баровард аз Эрони обод гард.

В-аз он пас ба хуни Сиёвахш боз
Фиканд инчунин кинаи нав дароз.

Наёмад бад-он гаҳ туро дод ёд,
Ки бар*[2] бегунаҳ ҷони ширин бидод.

Чӣ моя бузургони ботоҷу гоҳ
Аз Эрон шуданд андар ин кин табоҳ.

Ва дигар ки гуфтӣ ту бо пирсар
Ба хун рехтан чанд бандӣ камар?

Бидон, эй ҷаҳондидаи пурфиреб,
Ба ҳар кор дида фарозу нишеб,

1. ИЛ-б 1236-1238 нест.
2. М-ӯ.
2. М-ҳама.

www.sattor.com

Ки Яздон маро зиндагонӣ дароз
Аз он дод бо бахти гарданфароз,

Ки аз шаҳри Турон ба рӯзи набард
Зи кина барорам ба хуршед гард.

Битарсам ҳаме ман,[1] ки Яздони ман
Зи тан бугсилонад ҳаме ҷони ман.

Ман ин кинаро н-оварида ба ҷой
Бару буматон носипарда ба пой.

Се дигар ки гуфтӣ зи Яздони пок
Набинам ба дил-т-андарун тарсу бок.

Надонӣ, к-аз ин хира хун рехтан,
Гирифтор гардад ба фарҷом тан.

Ман акнун бад-ин чарб гуфтори ту
Агар бозгардам зи пайкори ту,

Ба ҳангоми пурсиш зи ман кирдгор
Бипурсад аз ин гардиши рӯзгор,

Ки солориву зӯру мардонагӣ
Туро додаму ганҷу[2] фарзонагӣ.

Ба кини Сиёвуш камар бар миён
Набастӣ чаро пеши эрониён?

Ба ҳафтод хуни гиромиписар
Бипурсад зи ман довари додгар.

Ба посух ба пеши ҷаҳонофарин
Чӣ гӯям, чаро бозгаштам зи кин?

Зи кини Сиёвуш ҷаҳорум сухун,
Ки афкандӣ, эй пирсолор бун.

1. М-он.
2. Л-хуб.
2. И-ганҷу.

www.sattor.com

Ту гӯӣ зи баҳри тани гашта хок
Нашояд ситад зиндаро ҷони пок.

Ту бишнос, к-он зишт кирдорҳо
Ба дил-бар зи ҳар гуна озорҳо,

Ки бо шаҳри Эрон шумо кардаед,
Чӣ моя каёнро биёзурдаед.

Чӣ паймон шикастан, чӣ кин охтан,
Ҳамеша ба сӯи бадӣ тохтан.[1]

Чу ёд ояд ин, чун кунам оштӣ,
Ки некӣ саросар бадӣ доштӣ?

Ба панҷум ки гуфтӣ ки паймон кунам,
Зи Турон саронро гаравгон кунам.

Ба наздики Хусрав фиристем ганҷ,
Бубандем бар хештан роҳи ранҷ,

Бидон, эй нигаҳбони[2] туронсипоҳ,
Ки фармон чунин[3] нест моро зи шоҳ.

Маро ҷанг фармуду овехтан,
Ба хуни[4] Сиёвахш[5] хун рехтан.

Чу фармони Хусрав наёрам ба ҷой,
Равон шарм дорад зи кайҳонхудой.

В-ар уммед дорӣ, ки Хусрав ба меҳр
Кушода бад-ин гуфтаҳои ту чеҳр.

Гаравгону он хоста ҳар чӣ ҳаст,
Чу Лаҳҳоку Рӯини хусравпараст,

1. И-додаам зӯру.
2. И-сипаҳдорӣ.
3. И-чаро.
4. И-Ба кини.
5. Л-Сиёвуш.

www.sattor.com

Гусӣ кун ба зудӣ ба наздики шоҳ,
Сӯи шаҳри Эрон кушодаст роҳ.

Шашум шаҳрҳое, ки кардӣ ту ёд,
Бару буми ободу фаррухниҳод.

Супорим гуфтӣ саросар[1] ҳама,
Бари хеш хонам якояк рама.

Маро кард Яздон аз ин бениёз
Гар огаҳ наӣ, то кушоем роз.

Сӯи Бохтар то ба марзи хазар
Ҳама гашт Лӯҳроспро сар ба сар.

Сӯи Нимрӯз-андарун то ба Синд
Ҷаҳон шуд ба кирдори румипаринд.

Ҳама[2] Рустами нев бо теғи тез
Баровард аз эшон дами растахез.

Сари ҳиндувон бо дурафши сиёҳ
Фиристод Рустам ба наздики шоҳ.

Деҳистону Хоразму он буму бар
Ки туркон баровард буданд сар.

Биёбон[3] аз эшон бипардохтанд,
Ки аз ҳар сӯе тохтан сохтанд.

Биборид Ашкаш ба Шеда тагарг,
Фуруд оваридаш ба наздики марг.

Асирону аз хоста чанд чиз
Фиристод наздики Хусрав ба низ.

В-аз ин сӯ ману ту ба ҷанг-андарем,
Бад-ин маркази ному нанг-андарем.

1. ИЛ-ба Хусрав.
2. Л-Таҳам.
3. Л-Саросар

www.sattor.com

Ба якчанд дидӣ зи ман[1] дастбурд
В-аз ин номдорону шерони гурд.

Гар эдун ки рӯй андарорӣ ба рӯй,
Раҳонам туро з-ин ҳама гуфтугӯй.

Ба нерӯи Яздону фармони шоҳ
Ба хун ғарқа гардонам ин размгоҳ.

Ту эй номвар паҳлавони сипоҳ,
Нигаҳ кун бар ин гардиши ҳуру моҳ,

Ки банди сипеҳрӣ фароз омадаст,
Сари бахти туркон ба гоз омадаст.

Нигар, то зи кирдори бадгавҳарат
Чӣ орад ҷаҳонофарин бар сарат.

Замона зи бад доман андаркашид,
Мукофоти бадро бад омад падид.

Бияндеш[2] бисёру букшой гӯш,
Сухан аз хирадмандмардум ниюш.

Бидон, к-инчунин лашкари номдор,*[3]
Саворони шамшерзан сад ҳазор.

Ҳама номҷӯю ҳама кинахоҳ,
Ба афсун нагарданд аз ин размгоҳ.

Замона баромад ба ҳафтум сухун
Фикандӣ вафоро ба савганд бун.

Ба паймон маро бо ту гуфтор нест,
Хирадро равонат харидор нест,

Азеро ту бо ҳар кӣ паймон кунӣ,
Вафоро ба фарҷом гирён[4] кунӣ.

1. И-Ту он.
2. Л-Ту биндеш.
3. М-бешумор.
4. ЛМ –Вайрон.

www.sattor.com

Ба савганди ту шуд Сиёвуш ба бод,
Ба гуфтори ту - бар кас эмин мабод!

Набудиш фарёдрас рӯзи дард,
Чӣ моя ба сахтӣ туро ёд кард![1]

Ба ҳаштум, ки гуфтӣ маро тоҷу тахт,
Аз они ту беш асту мардию бахт,

Ҳамэдун фузунам ба мардону[2] ганҷ,
Валекин диламро зи меҳр аст ранҷ.

Ман эдун гумонам, ки то ин замон
Ба ҷанг озмудӣ маро бегумон.

Гарам беҳунар ёфтӣ рӯзи кин,
Ту донӣ, кунун бозам аз сар бубин.

Ба ганҷу ба тоҷу ба тахту ҳунар,[3]
Бароям або ту магар сар ба сар.

Ба фарҷом гуфтӣ, зи мардони мард
Тане чанд бугзин зи баҳри набард.

Ман аз лашкари турк ҳам з-ин нишон
Биёрам саворони гарданкашон,

Ки аз*[4] меҳрубонӣ бар ин лашкарам
Нахоҳам, ки бедоду кин густарам.

Ту бо меҳрбонӣ ниҳӣ пой пеш
Ки донӣ ниҳони*[5] дилу рои хеш.[6]

1. «Бибудиш фарёдрас рӯзи бад,
   Ба савганди ту ғарра будан сазад».
2. Л-мардиву.
3. ИЛ-б. 1304 нест.
4. М-зибас.
5. М-намоӣ.
6. ИЛ-б. 1308 нест.

www.sattor.com

Биёзорад аз ман ҷаҳондор шоҳ,
Ки*[1] аз ҳамдигар бугсилонам сипоҳ.

Яке лашкаре пургунаҳ пеши ман
Пур аз дарди эшон дили анҷуман.[2]

Набошад зи ман шоҳ ҳамдостон,
К-аз инон[3] бигардам бад-ин достон.

Нахустин ба анбӯҳ захме чу кӯҳ
Бибояд задан сар ба сар ҳамгурӯҳ.

Миёни ду лашкар ду саф баркашед,
Гар эдун, ки пирӯзӣ ояд падид.

В-агарна ҳам аз номдорони мард
Биёрему созем ҷои набард.

Аз ин гуфта гар бугсилӣ боз дил,
Ман аз гуфтаи худ наям дилгусил.

В-ар эдун, ки бо ман ба овардгоҳ
Басанда нахоҳӣ будан бо сипоҳ,

Сипаҳ хоҳ ёвар зи солори хеш,
Ба жарфӣ нигаҳ дор*[4] паргори[5] хеш.

Пароканда аз лашкарат хастагон
Зи хешу зи пайванду[6] пайвастагон

Бимон, то шаванд аз пазишкон дуруст,
Замон ҷустан акнун бад-ин кори туст.

1. М-гар.
2. ТПЗЛ- Ва дигар, ки гуфтӣ мубориз гузин,
Ки бо ман бигардад дар ин дашти кин.
3. Л-эшон.
4. М-кун ба пайкори.
5. И-пайкори.
6. И-хешону наздику.

www.sattor.com

Агар хоҳӣ аз ман[1] замону диранг,
В-агар ҷанг хоҳӣ, биёрой ҷанг.

Бад-он гуфтам ин,[2] то ба рӯзи набард—
Ба мо-бар баҳона наёрӣ ту кард,

Ки ногоҳ бар мо ба ҷанг омадӣ,
Камин кардиву бедиранг омадӣ.

Ман ин кин агар то ба сад солиён
Бихоҳам,*[3] ҳамон аст,[4] акнун ҳамон.

Аз ин кина баргаштан уммед нест,
Шабу рӯз бар дидагонам[5] якест.

Чу ин посухи нома гашт испарӣ,
Фиристода омад ба сони парӣ.

Камар бар миён бар сутури наванд
Саворон ба гирд- андараш низ чанд.

Фуруд омад аз асп Рӯини гурд,
Гавонро ҳама пеши солор бурд.

Сипаҳдор фармуд, то мӯбадон
Зи лашкар ҳама номвар бихрадон

Ба зудӣ сӯи паҳлавон омаданд,
Хирадманду рӯинравон[6] омаданд.

Ҳамон[7] посухи нома пеши гавон
Бифармуд хондан ҳаме[8] паҳлавон.

1. ИЛ-Туро чанд хоҳӣ.
2. И-гуфтамат.
3. М-бичӯям.
4. Л-ҳамонат.
5. Л-бо гоҳу соат.
6. ИЛ – равшанравон.
7. ИМ – Пас он.
8. Л- бархондан.

www.sattor.com

Бузургон, ки ин номаи дилпазир
Шуниданд аз гуфти фаррухдабир,

Ҳушу рои Пирон сабук доштанд,
Ҳама панди ӯро тунук доштанд.

Ба Гударз-бар офарин хонданд,
Варо паҳлавони замин хонданд.

Пас он номаро мӯҳр карду бидод
Ба Рӯини Пирони висанажод.

Чу аз пеши Гударз бархостанд,
Бифармуд, то хилъат оростанд.

Аз аспони тозӣ ба зарринситом,
Чи афсар, чи шамшеру зарринниём,

Бубахшид ёрон-шро симу зар,
Киро дархур омад кулоҳу камар.

Бирафтанд Рӯину он даҳ сипоҳ,
Сӯи лашкараш баргирифтанд[1] роҳ.

Чу Рӯин ба наздики Пирон расид,
Ба пеши падар шуд, чунон чун сазид.

Ба наздики тахташ фурӯ бурд сар,
Ҷаҳондида Пирон гирифташ ба бар.

Чу бугзорд пайғоми солори шоҳ,
Бигуфт, ончи дид андар он размгоҳ.

Пас он номаро хонд пешаш дабир,
Якояк рухи паҳлавон шуд чу қир.

Дилаш гашт пурдарду ҷон пурниҳеб,
Бидонист, к-омад ба тангӣ нишеб.

1. И- лашкари худ гирифтанд.

www.sattor.com

Шикебоиву хомушӣ баргузид,
Накард он сухан бар сипаҳ-бар падид,

Аз он пас чунин гуфт пеши сипоҳ,
Ки Гударзро дил наёмад ба роҳ

Аз он хуни ҳафтод пури гузин
Наёромадаш дил замоне зи кин.

Гар эдун, ки ӯ бар гузашта сухун,
Ба наввӣ ҳаме кина афканд[1] бун.

Чаро ман ба кини бародар камар
Набандам, нахорам бад-ин кина сар?

Бар он хуни нӯҳсад сари номдор
Ки аз тан ҷудо шуд гаҳи корзор,

Ки андар бару буми Турон дигар
Саворе набандад чу Ҳумон камар.

Чу Настеҳан он сарви сояфикан,
Ки шуд ногаҳон нопадид аз чаман.

Бибояд кунун баст моро камар,
Намонам бар эрониён буму бар.

Ба нерӯи Яздону шамшери тез
Барорам аз он анҷуман растахез.

Зи аспон гала ҳар чӣ шоиста буд,
Зи ҳар сӯ ба лашкаргаҳ овард зуд.

Пиёда ҳама кард яксар савор
Дуаспа савор аз дари корзор.

Дари ганҷҳои куҳан баркушод,
Ба динор додан дил андарниҳод.[2]

1. Л- созад зи.
2. ИЛ-дар-андар кушод.

www.sattor.com

ЁРИ ХОСТАНИ ПИРОН АЗ АФРОСИЁБ

Чу ин карда шуд, назди Афросиёб
Наванде барафканд ҳангоми хоб.

Фиристодае боҳушу рои пир,
Сухангӯю гурду савори далер,

Ки «Рав[1], шоҳи Туронзаминро[2] бигӯй,
Ки, эй додгар шоҳи дайҳимҷӯй,[3]

Аз он гаҳ, ки чархи сипеҳри баланд
Бигашт аз бари тирахоки нажанд,

Чу ту шоҳ бар гоҳ наншаст низ,
Ба кас номи шоҳӣ напайваст низ.

На зебо бувад ҷуз ту мар тахтро,
Кулоҳу камарбастану бахтро.

Аз он кас барорад ҷаҳондор гард,
Ки пеши ту ояд ба рӯзи набард.[4]

Яке бандаам ман, гунаҳкори ту,
Кашида сар аз рои бедори ту.[5]

Ба Кайхусрав аз ман биёзурд шоҳ,
В-аз он хештанро надонам гуноҳ,*[6]

Ки он эзадӣ буду буд он чӣ буд,
Наёяд зи[7] гуфтори бисёр суд.

Агар з-он ки бинад маро нек шоҳ,
Кунад гардан озоду бахшад гуноҳ,

1. И-шав.
2. ИЛ-Туронсипаҳро.
3. ИМ-Хусрави номҷӯй.
4. Л-б. 1363 нест.
5. Л-ҷуз.
6. М-орад паноҳ.
7. ЛМ-надорад ба.

www.sattor.com

Расонам ман акнун ба шоҳ огаҳӣ,
Ки гардун чи овард пеши раҳӣ.

Кашидам ба кӯҳи Канобад сипоҳ,
Бар эрониён[1] бар бубастем роҳ.

В-аз он сӯ биёмад сипоҳи гарон,
Сипаҳдор Гударзу бо ӯ сарон,

К-аз Эрон зи гоҳи Манучеҳршоҳ
Ба Турон наёмад фузун з-ин сипоҳ.

Ба Райбад яке ҷойгаҳ сохтанд,
Сипаҳро дар он[2] кӯҳ биншохтанд.

Сипаҳро се рӯзу се шаб чун паланг
Ба рӯй- андар оварда буд рӯй танг.

Наҷустем разм[3] андар он кинагоҳ,
Ки ояд магар сӯи ҳомун сипоҳ.[4]

Сипаҳдори Эрон наёмад сутӯҳ,
Ба ҳомун наёвард лашкар зи кӯҳ.

Бародар ҷаҳонгир[5] Ҳумони ман
Зи кина биҷӯшид аз ин анҷуман.

Ба Эронсипаҳ шуд, ки ҷӯяд набард,
Надонам чӣ омад бар он шермард?!

Биёмад ба кинҷустанаш пури Гев,
Бигардид бо гурд Ҳумони нев.

1. И-эронсипаҳ.
2. Л-сипаҳ дар бари; И-сипаҳ дар буни.
3. И-ҷанг.
4. ТПЗМ – Гар ояд сипоҳаш аз он кӯҳ бурун,
Сари паҳлавонон бошад нагун.
5. И-ҷаҳондор.

www.sattor.com

Абар дасти чун Бежане[1] кушта шуд,
Сари ман зи тимори ман[2] гашта шуд.

Кӣ донист ҳаргиз, ки сарви баланд
Ба боғ аз гиё ёфт хоҳад газанд?!

Дили номдорон ба ҳам даршикаст,
Ҳама шодмонӣ шуд аз дард паст.

Ва дигар, ки Настеҳани номдор
Або даҳ ҳазор озмуда савор

Бирафт аз бари ман сапедадамон,
Биёмад-ш[3] аз гурзи Бежан зиён.[4]

Ман аз дарди дил баркашидам сипоҳ,
Ғиревон бирафтам ба овардгоҳ.

Яке разм то шаб баромад зи кӯҳ,
Бикардем бо якдигар ҳамгурӯҳ.

Чу нӯҳсад шуд аз номдорони шоҳ
Сар аз тан бурида бар он размгоҳ.

Ду баҳра зи гурдони ин анҷуман
Дил аз дард хаста,[5] ба шамшер тан.

Ба мо-бар шуда чира эрониён
Ба кина ҳама пок баста миён.

Битарсам ҳаме з-он ки гардонсипеҳр
Бихоҳад гусистан зи мо пок меҳр.

В-аз он пас шунидам яке бад хабар
К-аз он низ баргаштам осемасар,

1. И-Бежан чу ӯ.
2. ИЛ-ӯ.
3. ЛМ-Бад-ӯ омад.
4. И-бар дасти Бежан замон.
5. Л-зи.

www.sattor.com

Ки Кайхусрав ояд ҳаме бо сипоҳ
Ки пушти сипаҳбад бар ин размгоҳ.

Гар эдун, ки гардад дуруст ин хабар,
Ки Хусрав кунад сӯи мо-бар гузар,

Сипаҳдор донад, ки ман бо сипоҳ[1]
Наёрам шудан пеши[2] ӯ кинахоҳ.

Магар шоҳ бо лашкари кинаҷӯ[3]
Ниҳад сӯи Эрон бад-ин ҷанг[4] рӯй.

Бигардонад ин бад зи турониён
Бубандад ба кина[5] камар бар миён,

Ки гар ҷони моро аз эронсипоҳ
Бад ояд, набошад касе кинахоҳ».

Фиристода чун гуфти Пирон шунид,
Ба кирдори боди дамон бардамид.

Нишаст аз бари бодпои наванд,
Ба кирдори оташ ҳаюни баланд.

Бишуд то ба наздики Афросиёб,
На дам зад ба раҳ-бар, на орому хоб.

Ба наздики шоҳ андаромад чу бод,
Бибӯсид тахту паёмаш бидод.

Чу бишнид гуфтори Пирон ба дард,
Дилаш гашт пурдарду[6] рухсор зард.[7]

---

1. Л-назди шоҳ.
2. Л-назди.
3. И-ҷангҷӯй.
4. И-кина.
5. И-бад-ин кин.
6. Л-пурхуну.
7. И-б. 1400, 1401 нест.

www.sattor.com

Шуд аз кори он куштагон хастадил,
Бад-он дард бинҳод пайваста дил.[1]*[2]

В-аз он низ, к-аз душманон лашкараш*[3]
Гурезону вайрон ҳама кишвараш.[4]

Зи ҳар сӯ ба танг андаровард ҷанг,
Бар ӯ-бар ҷаҳон гашта аз дард танг.

Чу гуфтори Пирон бар он сон шунид,
Сипаҳро ҳаме[5] пойбарҷой дид.

Бар ӯ офарин карду шодӣ намуд,*[6]
Ба дил-ш-андарун рӯшноӣ фузуд.

Фиристодаро пас бари хеш хонд,
Бисозиду он шаб ҳаме рой ронд.*[7]

Ба шабгир чун тоҷ бар сар ниҳод,
Ҳамон гаҳ фиристодаро бор дод.[8]

ПОСУХИ ПАЙҒОМИ ПИРОН АЗ АФРОСИЁБ

Бифармуд, то бозгардад ба ҷой
Сӯи гурд Пирони фархундарой?[9]

Чунин дод посух, ки «Ӯро бигӯй,
Ки эй гурди номовари ростгӯй,[10]

---

1. Л-1402 нест.
2. М- Пур аз дард биншаст он сангдил,
   Шуд аз кори он куштагон тангдил.
3. М-сӯе лашкаре.
4. Л-шавад.
5. ИЛМ -ҳама.
6. М-Аз он гуна вайрон кунад кишваре
7. М- Фиристодаро дар бари хеш ҷой
   Бисозанду он шаб ҳаме кард рой.
8. ИЛ-дар кушод.
9. ИЛМ-номвар, некпай, кадхудой.
10. ИМ-меҳрубон некдил, нармхӯй.

www.sattor.com

Ту то зодӣ аз модари поктан,
Сипар карда пешам тани[1] хештан.[2]

Туро бештар назди ман дастгоҳ,
Туӣ бартар аз паҳлавонон ба ҷоҳ.[3]

Ҳам эдун ба ҳар кор бо ганҷи хеш,
Гузида зи баҳри ман ин ранҷи хеш.

Ту бурдӣ зи Чин то ба Эрон сипоҳ,
Ту кардӣ дилу бахти душман сиёҳ.[4]

Туӣ меҳтару[5] паҳлавони замин,
Ки бодо ба ҷонат ҳазор офарин![6]

Зи Туру Пашанг андаровӣ ба меҳр,
Чу ту паҳлавон барнаёрад сипеҳр.

Набинад сипаҳ чун ту солор низ,
Набандад камар чун ту ҳушёр низ.

Нахуст он ки гуфтӣ, ман аз анҷуман
Гунаҳгор донам[7] ҳаме хештан,

Ки Кайхусрав омад зи Туронзамин,
Ба Эрону бар мо бигустард кин.

Бидон[8] ман, ки шоҳам наёзурдаам,
Ба дил ҳаргиз ин ёд н-овардаам.

---

1. Л-кардаӣ пеши ман.
2. ИМ-сарафроз будӣ ба ҳар анҷуман.
3. Л-гоҳ
   ТПЗМ- Ҳамеша ба кин ҷустаи пеши ман,
   Фидо карда ҷону сипар карда тан.
4. И-тахти душман табоҳ.
5. Л-сарвару.
6. И-бб. 1415 нест.
7. Л-дорам.
8. ИЛ-бад-ин.

www.sattor.com

Набояд, ки бошӣ бар ин тангдил,
Ба тимор дорӣ пур аз нанг дил.[1]

Кучо будан̣ӣ бошад аз кирдгор,
Набояд варо ҳеч омӯзгор[2],

Ки Кайхусрав аз ман нагирад фурӯғ,
Набера махонаш, ки бошад дурӯғ.

Набошам ман ӯро ба гетӣ ниё,
Начӯям ҳаме з-ин сухан кимиё.

Бар ин кори ӯ кас гунаҳкор нест,
Маро бо ҷаҳондор пайкор нест.

Чунин хост в-ин буданӣ кор буд,
Маро бар дил аз ту чӣ озор буд?!

Ва дигар, ки гуфтӣ зи кори сипоҳ,
Зи гардидани чархи[3] хуршеду моҳ,

Ба як сон нагардад сипеҳри баланд,
Гаҳе шод дорад, гаҳе мустаманд.[4]

Ту дилро бад-ин кор хаста мадор,
Равонро бад-ин банд баста мадор.

Набишта чунин аст кори набард,
Зи ҳар сӯ ҳаме гардад ин тезгард.[5]

Ҳаме баркашад то ба хуршед-бар,
Ҳаме[6] андарорад зи хуршед сар.

1. Л- Зи тимор гирад пур ожанг дил.
   И-Зи тимор дорӣ пур аз занг дил.
2. ИЛ-б. 1322 нест.
3. ЛМ-тира.
4. ТПЗМ- Гаҳе бо маю руду ромишгарон,
   Гаҳе бо ғаму гурму ранҷи гарон.
5. Л-тирагард.
6. Л-Ҳам ӯ.

www.sattor.com

Сухан гуфтани куштагон гашт хоб,
Зи кини бародар ту сар барматоб.*[1]

Диле к-ӯ зи дарди бародар шахуд,
Давои[2] пизишкон бад-ӯ нест[3] суд.

Се дигар ки гуфтӣ, ки Хусрав зи гоҳ
Ба ҷанг эдар ояд ҳаме бо сипоҳ,

Ҷуз он аст, к-омад туро огаҳӣ,
Ки Кайхусрав ояд зи шоҳаншаҳӣ,

Ки Туси сипаҳбад ҳаме бо сипоҳ
Ба сӯи Деҳистон баромад зи роҳ.

Мабинод ҳаргиз кас он рӯзгор,
Ки ӯ пешдастӣ намояд ба кор,

Ки ман худ бар онам, к-аз эдар пагоҳ
Бад-он сӯи Ҷайҳун гузорам сипоҳ.

На Гударз монам, на Хусав, на Тус
На гоҳу на тоҷу[4] на лашкар, на кӯс.

Ба Эрон бар он гуна ронам сипоҳ,
Ки з-ин пас набинад касе тахти шоҳ.*[5]

Ба Кайхусрав аз ман намонад ҷаҳон,
Ба сар бар фуруд оямаш ногаҳон.

Ба ханҷар бар он сон бибуррам[6] сараш,
Ки гиряд бар ӯ зор худ модараш.

Магар, к-осмонӣ дигаргуна кор
Фароз ояд аз гардиши рӯзгор.

1. М-б. 1430-1420 нест.
2. ИЛМ-лоҷи.
3. И-надорад-ш.
4. Л-тоҷу на коҳу.
5. М-бӯқу.
6. И-Зи тан пок буррам.

www.sattor.com

Туро эй ҷаҳондидаи сарфароз,[1]
Накардаст Яздон ба чизе ниёз.

Зи мардону аз ганҷу нерӯи даст
Ҳама ҳарчи хоҳӣ, туро даст*[2] ҳаст.

Яке лашкари номвар сӣ ҳазор
Далеру хирадманду гурду савор,

Фиристодам инак ба наздики ту,
Ки равшан кунад[3] ҷони торики ту,

К-аз эрониён даҳ в-аз эшон яке
Ба чашми яке даҳ бувад андаке.

Чу наздикат оянд, рӯзе*[4] мапой,
Сару тоҷи Гударз бугсил зи ҷой.

Ҳамон кӯҳ, к-ӯ гирд дорад ҳисор,
Ба аспони ҷангӣ зи пой андарор!

Макаш даст аз эшон ба хун рехтан,
Чу пирӯз бошӣ ба овехтан.

Фиристода бишнид пайғоми шоҳ,
Биёмад бари паҳлавони сипоҳ.[5]

Чу бишнид Пирон, сипаҳро бихонд,
Фиристода аз бун сухан бозронд.

Сипаҳро ҳама сар ба сар дод дил,
Шуданд аз ғамон*[6] яксар озоддил,

1. И-меҳрубон.
2. М-рӯз.
3. И-шавад.
4. М-лашкар ба назди ту ояд.
5. ТПЗИЛ – Ба пеш андаромад ба сони чаман,
Хамида чу аз бод шохи суман.
Ба Пирон расонид пайғоми шоҳ
Аз он номдорони ҷангисипоҳ.
Л-бад-он. Якояк бари паҳлавони сипоҳ.
6. М-он замон.

www.sattor.com

Ниҳонӣ равонаш пур аз дард буд,
Пур аз хун дилу бахт*[1] пургард буд,

Ки аз ҳар сӯе лашкаре шаҳрёр
Ҳама коста дид бар корзор.

Ҳам аз шоҳи Эрон дилаш буд танг,
Битарсид, к-ояд якояк ба ҷанг.

Ба Яздон чунин гуфт, к-«Эй кирдгор,
Чӣ моя шигифт андар ин рӯзгор.

Киро баркашидӣ ту, афканда нест,
Ҷуз аз ту ҷаҳондору поянда нест.

Зи Хусрав нигар то бад-ин рӯзгор
Кӣ донист, к-ояд яке шаҳрёр?!

Нигаҳ кун бад-ин кори гарданда даҳр
Мар онро, ки аз хештан кард баҳр,

Барорад гули тоза аз хори хушк,
Шавад хок бо бахти бедор мушк.

Шигифтӣ бар он кун, ки озодмард
Ҳамеша дили хеш дорад ба дард.

Миёни ниёву набера-ду шоҳ
Надонам чаро бояд ин кинагоҳ?!

Ду шоҳи[2] ду кишвар чунин ҷангҷӯй,*[3]
Ду лашкар ба рӯй андаровард рӯй.

Чӣ донам*[4] саранҷоми ин корзор,
Киро баркашад гардиши рӯзгор.

1. М-рух.
2. ИЛ-шоху.
3. М-кинаҷӯй.
4. М-гӯям.

www.sattor.com

Пас он гаҳ ба Яздон бинолид зор,
Ки эй равшани додгар кирдгор,

Гар Афросиёб андар ин кинагоҳ,
Або номдорони туронсипоҳ,

Бад-ин размгаҳ кушта хоҳад шудан,
Сари бахти мо гашта хоҳад шудан.

Чу Кайхусрав ояд аз Эрон ба кин,
Бад-ӯ боз гардад саросар замин.

Раво бошад аз хаста дар ҷавшанам
Барорад равон кирдгор аз танам.

Мабинод ҳаргиз ҷаҳонбини ман,
Гирифта касе роҳу оини ман.

Киро гардиши рӯз бо ком нест,
Варо марг бо зиндагонӣ якест.

РАЗМИ ЭРОНИЁН ВА ТУРОНИЁН БА АНБӮҲ

Чу густард хуршед дебои зард,
Бичӯшид дарёи дашти набард,[1]

Дурӯя зи лашкар баромад хурӯш,
Замин омад аз наъли аспон ба ҷӯш.

Сипоҳ андаромад зи ҳар сӯ гурӯҳ,
Бипӯшид ҷавшан ҳама дашту кӯҳ.[2]

Ду солор ҳарду ба сони паланг
Фароз овариданд лашкар ба ҷанг.

Ба кирдори борон зи абри сиёҳ
Биборид тир андар он размгоҳ.

1. Л-б 1474 нест.
2. И-б. 1474-1476 нест.

www.sattor.com

Ҷаҳон чун шаби баҳман аз тирамеғ,
Чи абре ки борони ӯ тиру теғ

Замин оҳанин карда аспон ба наъл,
Бару дасти гурдон ба[1] хун гашта лаъл.

Зи бас куштагон андар он размгоҳ
Бурида сароншон фиканда ба роҳ.

Бар овардгаҳ ҷои гаштан намонд,
Паи аспро баргузаштан намонд.

Замин лолагун шуд, ҳаво нилгун,
Баромад ҳаме мавҷи дарёи хун.

Ду солор гуфтанд, агар ҳамчунин
Бидоранд гурдон бад-ин дашти кин,

Шаби тираро кас намонад ба ҷой
Ҷуз аз чарху гетиву[2] кайҳонхудой.

Чу Пирон чунон дид ҷои набард.
Ба Лаҳҳок[3] фармуд Фаршедвард,

Ки «Чандон куҷо бо шумо лашкар аст,
Касе к-ӯ бад-ин размгаҳ дарх(в)ар аст,

Саворон бубахшед, то бар се рӯй
Шаванд андар ин размгаҳ ҷангҷӯй.

В-аз эшон гурӯҳе ки бедортар,
Сипаҳро зи душман нигаҳдортар,

Бад-эшон супоред пушти сипоҳ
Шумо бар ду рӯя бигиред роҳ».[4]

1. И-Зи.
2. ИЛ-чархи гардону.
3. Л-Каххол.
4. И-б. 1490 нест.

www.sattor.com

Ба Лаҳҳок фармуд, то сӯи кӯҳ
Барад лашкари хешро ҳамгурӯҳ.

Ҳам эдун сӯи рӯд Фаршедвард
Барад,[1] то барорад зи[2] хуршед гард.

Чу он номдорони туронсипоҳ
Кашиданд он лашкари кинахоҳ,

Наванде барафканд пас дидабон
Аз он дидагаҳ то бари паҳлавон.

1495 Нигаҳбони Гударз худ бо сипоҳ
Ҳаме дошт ҳар сӯ ба душман нигоҳ.

Дурӯя чу Лаҳҳоку Фаршедвард
Зи роҳи камингаҳ кушоданд[3] гард.

Саворони Эрон баровехтанд,
Ҳаме хок бо хун баромехтанд.

Наванде биёмад зи ҳар сӯ давон[4]
Ба огоҳ кардан бари паҳлавон.

Нигаҳ кард Гударз, то пушти ӯй
Кӣ дорад зи гурдони пархошҷӯй.

1500 Гиромӣ писар шери ҳарза Ҳаҷир
Ба пушти падар буд бо теғу тир.

Бифармуд, то шуд зи пушти сипоҳ
Бари Геви Гударзи лашкарпаноҳ

Бигӯяд, ки лашкар сӯи рӯду кӯҳ
Ба ёрӣ фиристад гурӯҳогурӯҳ.[5]

1. ИЛМ-равад.
2. ИЛ-ба.
3. Л-камин баркушоданд.
4. Л-дамон.
5. ТПЗЛ – Ба гирд оварад он сипаҳ яксара,*
Ки ӯ чун шубон буду эшон бара.**

*И-сипоҳро ҳама: ** И-рама

www.sattor.com

Ва дигар бифармуд гуфтан ба Гев,
Ки пушти сипаҳро яке марди нев[1]

Гузинад, супорад бар ӯ ҷои хеш,
В-аз он ҷо ниҳад пештар пои хеш.

Ҳаҷири диловар бубаста[2] камар
Чу бишнид гуфтори фаррухпадар,

Биёмад ба назди бародар дамон,
Бигуфт, он куҷо гуфта буд паҳлавон.

Чу бишнид Гев ин сухан, бардамид,
Зи лашкар яке номвар баргузид.

Куҷо номи ӯ буд[3] Фарҳоди гурд,
Бихонду[4] сипаҳ яксар ӯро супурд.

Ду сар кордида диловар сарон
Бифармуд то Зангаи Шоварон

Барад тохтан сӯи Фаршедвард,
Барангезад аз кӯҳу аз об гард.

Зи гурдон дусад бо дурафши чу бод
Ҳамэдун ба Гургини Милод дод.[5]

Бад-ӯ гуфт: «Аз эдар бигардон инон
Або гурзу бо тобдода синон.

---

1. ТПЗ- Бибояд шудан, то нагардад табоҳ,
Наёяд аз он марзи Турон сипоҳ*

* ин б. дар «з» пас «б» 1504 омадааст, ки ба мақсад мувофиқтар аст.

2. И-хирадманд баста.
3. ЛМ-гузин кард он гоҳ.
4. Л-бинондаш.
5. ТПЗЛ – Биёмад дамон то дари* паҳлавон,
Чу дидаш хирадманду равшанравон.

* Л-бари.

www.sattor.com

Кунун бурд бояд бар эшон сипоҳ,
Ҳунар кун падид андар ин размгоҳ[1]

Ки пушти сипаҳшон ба ҳам баршикаст,
Дили паҳлавонон шуд аз чанг паст.

Ба Бежан чунин гуфт, к-«Эй шермард,
Туӣ бабри дарранда рӯзи набард.[2]

Кунун шермардӣ ба кор оядат,
Ки бо душманон корзор оядат.

Ба ту дорад уммед эронсипоҳ,
Кунун рафт бояд бад-он*[3] размгоҳ.

Аз эшон мапарҳезу тан пеш дор,
Ки омад гаҳи кинаву корзор.[4]

Аз эдар бирав то ба қалби сипоҳ
Зи Пирон бад-он ҷойгаҳ кина хоҳ!

Ки пушти ҳама шаҳри Турон бад-ӯст,
Чу рӯи ту бинад, бидаррад-ш пӯст.[5]

Агар даст ёбӣ бад-ӯ, кор буд,
Ҷаҳондору некахтарат ёр буд.

Баросояд аз ранҷу сахтӣ сипоҳ,
Шавад шодмона ҷаҳондор шоҳ.

---

1. ТПЗМ- Бирав сӯи Лаҳҳок, эй номҷӯй,
Аз он душманон хун биронӣ ба ҷӯй.
В-аз он чо биёмад ба назди падар
Савори сарафрози хуршедфар,
Бад-ӯ гуфт, к-эй шердил пури ман,
Сипаҳдори Эрону дастури ман.
2. ИЛМ-б. 1515 нест.
3. М-Ҳунар кун падид андар ин,
4. И-б. 1517, 1518 нест.
5. И-б. 1520 нест.

www.sattor.com

Биёбӣ басе ганҷу бас хоста,
Шавад корҳои ту ороста.[1]

Шикаста шавад пушти Афросиёб,
Пур аз хун кунад*[2] дил, ду дида пуроб.

Бигуфт ин сухан паҳлавон бо писар,
Писар ҷангро танг баста камар.

Чу бишнид ҷангӣ, барангехт асп,
Бурун шуд ба кирдори озаргушасп.

Саворон пас аз маймана, майсара
Бифармуд хондан ҳама яксара.

Гуроза бурун омаду Густаҳам,
Ҳаҷири сипаҳдору Бежан ба ҳам.

Аз он ҷо сӯи қалби туронсипоҳ
Ҷавонзодагон*[3] баргирифтанд роҳ.

Ба кирдори шерон ба рӯзи шикор
Бар он бодпоёни оҳихтаҳор.

Миёни сипоҳ-андарун тохтанд,
Зи кина ҳаме дил бипардохтанд.

Ҳама дашт баргустувонвар савор
Пароканда гашта гаҳи корзор.

Чи моя фитода ба пои сутур
Кафан ҷавшану синаи шер гӯр.

1. И-б. 1522, 1523 нест.
2. М-шавад.
3. М-Гаронмоягон.

www.sattor.com

РАЗМИ ГЕВ ВА ПИРОН ВА ФУРӮ МОНДАНИ АСПИ ГЕВ

Чу Рӯини Пирон зи пушти сипоҳ
Бидид он такопӯву гарди сиёҳ,

Биёмад зи пушти сипоҳи бузург
Або номдорон ба кирдори гург.

Баровехт бар сони шарза паланг,
Бикӯшиду ҳам барнаёмад ба ҷанг.

Бияфканд шамшери ҳиндӣ зи мушт,
Ба навмедӣ аз ҷанг бинмуд пушт.

Сипаҳдор Пирон зи касҳои хеш
Бимонд он замон хира бар ҷои хеш.

Чу Гев он гаҳе рӯи Пирон бидид,
Инонро сӯи ҷанги ӯ баркашид.*[1]

Аз он меҳтарон пеши Пирон чаҳор
Ба найза зи асп андарафканд хор.

Ба зеҳ кард Пирони Виса камон,
Ҳаме тир борид бар бадгумон.

Сипар бар сар овард Геви сутург,
Ба найза даромад ба кирдори гург.

Чу оҳанги Пирони солор кард,
Ки бо вай биҷӯяд ба найза набард.

Фурӯ монд аспаш ҳам эдун ба ҷой,
Аз он ҷо ки буд, пеш нанҳод пой.

Яке тозиёна бар он тезрав
Бизад хашмро[2] номбардор гав.

---

1. М-Таковар сӯи ҷанг ӯро кашид.
2. З-хашмгин.

www.sattor.com

Бичӯшиду букшод лабро зи банд
Ба нафрини дижхим деви нажанд.

Бияфканд найза, камон баргирифт,
Яке дарқаи гург бар сар гирифт.

Камонро ба зеҳ карду букшод бар,
Ки бо дасти Пирон бидӯзад сипар.

Бизад бар бараш чор тири хаданг,
Набуд коргар тир бар марди ҷанг.

Ҳам эдун се чӯба бар аспи савор
Бизад Гев пайкони ҷавшангузор.[1]

Нашуд асп хаста, на Пирони нев,
Бад-он ҷо расиданд ёрони Гев.

Чу Пирон чунон дид, кина фузуд,
Даромад бари Гев бар сони дуд.

Бад-он то кунад хаста мар Гевро,
Шикаста кунад лашкари невро.

Ҳам эдун бишуд Гев бар сони дуд,
Ба найза зи сар хӯди Пирон рабуд.

Валекин наёмад ба Пирон газанд,
Дили Гев аз он кор шуд дардманд.[2]

Ба наздики Гев омад он гаҳ писар,
Ки «Эй номбардор, фаррух падар,

Ман эдун шунидастам аз шаҳрёр,
Ки Пирон фаровон кунад корзор.

Зи ҷанги басе тезчанг аждаҳо
Мар ӯро бувад рӯзи сахтӣ раҳо.

1. Л-оҳангузор.
2. Ил-б. 1553-1555 нест.

www.sattor.com

Саранҷом бар дасти Гударз ҳуш
Барояд-ш,[1] эй боб, чандин макӯш,

Ки ӯро замона наёмад фароз,
Чӣ печӣ ту ӯро ба сахтӣ дароз?

Пас андаррасиданд лашкар ба*[2] Гев
Пур аз хашм дил номбардор*[3] нев.[4]

Чу Пирон чунон дид, баргашт з-ӯй,
Сӯи лашкари хеш бинҳод рӯй.

Хурӯшон пур аз дарду рухсора зард
Ба наздики Лаҳҳоку Фаршедвард.

Чунин гуфт, к-«Эй номдорони ман,
Далерону ханҷаргузорони ман,

Шуморо зи баҳри чунин рӯзгор
Ҳаме парваронидам андар канор.

Кунун чун ба ҷанг андаромад сипоҳ,
Ҷаҳон шуд зи душман ба мо-бар сиёҳ,[5]

Надидам*[6] касе к-аз паи ному нанг
Ба пеши сипоҳ андаромад ба ҷанг».

Чу овози Пирон бад-эшон расид,
Дили номдорон зи кин бардамид.

Бирафтанду гуфтанд: «Агар ҷони пок
Набошад ба тан, нестмон тарсу бок.

Бубандем доман як андар дигар,
Нашояд аз ин кин кушодан камар.

1. И-барояд ту.
2. М- он гаҳ расиданд ёрони.
3. М-номдорони.
4. Л-б. 1560, 1561 нест.
5. И-пур аз душмани кинахоҳ.
6. М-Набинам.

www.sattor.com

Сӯи Гев Лаҳҳоку Фаршедвард
Бирафтанду ҷустанд бо ӯ набард.

Биёмад бари Гев Лаҳҳоки нев,
Яке найза зад бар камарбанди Гев.

Ҳаме хост, к-ӯро рабояд зи зин,
Нагунсор з-асп афканад бар замин

Ба найза зиреҳ бардарид аз ниҳеб,
Наёмад бурун пои Гев аз рикеб.

Яке найза зад[1] Гев бар аспи ӯй,
Зи дард андаромад таковар ба рӯй

Пиёда шуд аз асп Лаҳҳоки мард
Фароз омад аз дур Фаршедвард.

Бар он найзаи Гев теғе чу бод[2]
Бизад, найза бубрид, ӯ гашт шод.

Чу Гев андар он захми ӯ бингарид,
Амуди гарон аз миён баркашид.

Биғуррид чун[3] тездам аждаҳо,
Бизад ханҷар омад зи дасташ раҳо.[4]

Сабук дигаре зад ба гардан-ш бар,
Ки оташ буборид бар тан-ш-бар.

Бичӯшид хун аз даҳон то ҷигар,
Танаш сусттар гашту шуд хирасар.*[5]

Чу Гев андар ин буд, Лаҳҳок зуд
Нишаст аз бари бодпое чу дуд.

1. ИМ-Бизад найзаро.
2. И-Ба.
3. ИЛ-Бизад чун яке.
4. ИЛМ-Ки аз дасти ӯ ханҷар омад.
5. М-суст гашту шуд осемасар.

www.sattor.com

Або гурзу бо найза бар сони шер
Бари Гев рафтанд ҳарду далер.

Чи моя зи ҷанги диловар сарон
Бар ӯ-бар биборид гурзи гарон.

Ба зини паланг*[1] андарун буд савор,
Сутӯҳе наёмад-ш аз он корзор.

Чу диданд Лаҳҳоку Фаршедвард
Чунон пойдорӣ аз он шермард,

Зи бас хашм гуфтанд бо якдигар
Ки «Моро бад омад аз ахтар ба сар.

Бар ин зин ту гӯӣ, ки мағзаш зи рӯст,
Ба бар-дар надорад ҷуз аз шер пӯст».

Зи ёрон-ш Гев он гаҳе найза хост,
Ҳаме гашт ҳар сӯ, чапу дасти рост.

Бар эшон ниҳод аз дурӯя ниҳеб,
Якеро наёмад сар андар нишеб.[2]

Ба дил гуфт кори нав омад ба рӯй
Маро з-ин далерони пархошҷӯй.

На аз шаҳри Турон сарон омаданд,
Ки девони Мозандарон омаданд.

Сӯи рост Гев андаромад чу гард
Гуроза ба пархоши Фаршедвард.

Зи пӯлод дар дасти румӣ сутун,
Ба зер- андарун бораи чун ҳаюн.

Гуроза чу аз бод букшод даст
Ба зин-бар шуд он турки бедор паст.

1. М-ҳаданг.
2. И-бар ҷанги рӯин сутун.

www.sattor.com

Бизад найзае бар камарбанди ӯй,
Зиреҳ буду нагсаст пайванди ӯй.

Яке теғ дар даст Бежан чу шер
Биёмад ба пушти Гуроза далер.

Бизад бар сару тарги Фаршедвард,
Заминро бидаррид тарг аз набард.

Ҳаме кард бар торакаш даст рост,
Ба асп андаромад, набуд он чи хост.

Паси Бежан - андар дамон Густаҳам
Або номдорони Эрон ба ҳам.

Ба наздики туронсипоҳ омаданд,
Халидадилу[1] кинахоҳ омаданд.

Зи туронсипоҳ Андаримон чу гард
Биёмад дамон то ба ҷои набард,

Амуде фурӯ ҳишт бар Густаҳам,
Ки то бугсилонад миёнаш зи ҳам.

Ба теғаш баромад, ба ду ним гашт,
Дили Густаҳам з-ӯ пур аз бим гашт.

Ба пушти[2] ялон андаромад Ҳаҷир,
Абар Андаримон буборид тир.

Хадангеш бар зину баргустувон
Бизад, асп бегона гашт аз равон.

Пиёда шуд аз асп*[3] марди савор,
Сипар бар сар оварду бархост хор.

Зи туркон баромад саросар ғирев,
Саворон бирафтанд бар сони дев.

1. Л-Халидаравон.
2. И-пеши.
3. М-Ба хок - андар афтод.

www.sattor.com

Мар ӯро ба чора зи овардгоҳ
Кашиданд аз он рӯй пеши сипоҳ.

Зи шабгир то шаб баромад зи кӯҳ,
Саворони Эрону туронгурӯҳ

Ҳаме гарди кина барангехтанд,
Ҳаме хок бо хун баромехтанд.

Зи аспону мардон ҳама рафта ҳуш,
Даҳан бозмонда зи бонгу хурӯш.

ПАЙМОН КАРДАНИ ГУДАРЗ ВА ПИРОН БА ҶАНГИ ЁЗДАҲ РУХ

Чу рӯи замин шуд ба ранг обнӯс,
Баромад зи ҳарду сипаҳ бӯқу кӯс.

Абар пушти пилон табиразанон
Аз он размгаҳ бозгашта дамон.

Бар он барниҳоданд ҳарду сипоҳ
Ки шаб боз гардем аз размгоҳ.

Гузинем шабгир мардони мард,
Ки аз жарфдарё бароранд гард.

Ҳама номдорони пархошҷӯй
Якояк ба рӯй андароранд рӯй.

Зи пайкор ёбад раҳоӣ сипоҳ,
Нарезанд хуни сари бегуноҳ.

Бикарданд паймону гаштанд боз,
Гирифтанд кӯтоҳ роҳи[1] дароз.

Ду солор ҳарду зи кина ба дард
Ҳаме рӯй баргоштанд аз набард.

1. И-кори.

www.sattor.com

Яке сӯи кӯҳи Канобад бирафт,
Яке сӯи Райбад хиромид тафт.

Ҳамон гаҳ талоя зи лашкар ба роҳ
Фиристод Гударз - солори шоҳ.[1]

Зи ҷавшан*[2] сар аз тарг фарсуда буд,
Ба хун даст бо теғ олуда буд.

Ҳама ҷавшану хӯду таргу зиреҳ,
Кушоданд мар бандҳоро гиреҳ.

Чу аз бори оҳан тан осуда гашт,
Хуриш ҷусту май[3] чанд паймуда гашт,[4]

Ба тадбир кардан сӯи[5] паҳлавон
Бирафтанд бедор пиру ҷавон.

Ба Гударз пас Гев гуфт: «Эй падар,
Чӣ омад маро аз шигифтӣ ба сар?

Чу ман ҳамла бурдам*[6] ба туронсипоҳ,
Даридам сафу баркушоданд роҳ,

Ба Пирон расидам, навандам ба ҷой
Фурӯ монду нанҳод дар пеш пой.

Чунонам шитоб омад аз кори хеш,
Ки гуфтӣ бибуррам сар аз ёри хеш.[7]

Пас он гуфтаи шоҳ Бежан ба ёд
Ҳаме дошт, он роз бар ман кушод,

Ки Пирон ба дасти ту гардад табоҳ,
Аз ахтар чунин буд гуфтори шоҳ».

1. И-б. 1622 нест.
2. М-саронро.
3. ЛМ-Чу равшан мае.
4. И-б. 1625 нест.
5. И-бари.
6. М-кардам.
7. Л-ҳама; ИМ-саронро ҳама.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт Гударз, к-«Ӯро замон
Ба дасти ман аст, эй писар, бегумон.

Аз ӯ кини ҳафтод пури гузин
Бихоҳам ба зӯри ҷаҳонофарин».

В-аз он пас ба рӯи сипаҳ бингарид,
Сипаҳро ҳаме гуна пажмурда дид.

Зи ранҷи набарду зи[1] хунрехтан,
Ба ҳар ҷой бо душман овехтан.

Дили паҳлавон гашт аз он пур зи дард,
Ки рухсори озодагон дид зард.

Бифармудашон бозгаштан ба ҷой,
Сипаҳдори некахтари раҳнамой.

Бад-он то тани ранҷбардорашон
Биёсояд[2] аз ҷангу пайкорашон.

Бирафтанду шабгир боз омаданд,
Пур аз кинаву размсоз омаданд.

Ба солор бархонданд офарин,
Ки «Эй номвар паҳлавон замин,

Шабат[3] хоб чун буду чун хостӣ,
Зи пайкор бар дил[4] чӣ оростӣ?»

Бад-эшон чунин гуфт пас паҳлавон,
Ки «Эй номдорони[5] фаррухгавон,

Сазад, гар шумо бар ҷаҳонофарин
Бихонед рӯзу шабон офарин,

1. И-шабу рӯзу.
2. ИЛМ-Баросояд.
3. ИЛМ- Ба шаб.
4. ИМ-пайкори туркон.
5. Л-шомдорону.

www.sattor.com

Ки то ин замон ҳарчи рафт аз набард,
Ба коми дили мо ҳама гашт кард.

Фаровон шигифте расидам ба сар
Надидам ҷаҳонро магар баргузор.

Чу мо чархи гардон фаровон сиришт,
Дуруд аз куҷо б-орзу худ бикишт.

Нахустин, ки Заҳҳоки бедодгар
Зи гетӣ ба шоҳӣ баровард сар.

Чи моя ҷаҳонро ба сахтӣ бидошт,
Ҷаҳонофарин з-ӯ ҳаме даргузошт.

Чу бад буд мекард пайдо ситам,
Зи бод омадаш подшоҳӣ ба дам.

Баромад бар он кори ӯ чанд сол,
Барандохт Яздон бар он бадсигол.

Чу бедоди ӯ додгар барнадошт,
Яке додгарро бар ӯ баргумошт.[1]

Фаридуни фаррух-шаҳи додгар
Бубаст андар он подшоҳӣ камар.

Ҳама банди оҳарманӣ баркушод,
Биёрост гетӣ саросар ба дод.

Зи Заҳҳоки бадгавҳари бадманиш,[2]
Ки карданд шоҳон варо[3] сарзаниш,

Ба Афросиёб омад он бадхуӣ,
Ба дида набинад рухи некуӣ.[4]

1. И-б. 1625 нест.
2. И-бадкуниш.
3. И-бар ӯ.
4. И-Ҳамон ғорату куштану ҷодуӣ.

www.sattor.com

Чу[1] дар шаҳри Эрон бигустард кин,
Бигашт аз раҳи доду оину дин.

Сиёвахши радро ба фарҷоми кор
Бикушту баровард аз Эрон димор.[2]

В-аз он пас куҷо Гев аз Эрон биронд
Чи моя ба сахтӣ ба Турон бимонд.

Ниҳолиш аз хоку билин-ш[3] санг,
Хуриш гушти нахчиру пӯшиш паланг.

Ҳаме рафт гумбуда чун беҳушон,
Ки ёбад зи Кайхусрав он ҷо нишон.

Якояк чу наздики Хусрав расид,
Бар ӯ офарин кард, к-ӯро бидид.

В-аз он ҷо[4] ба Эрон ниҳоданд рӯй,
Хабар шуд ба Пирони пархошҷӯй.

Сабук бо сипоҳ андаромад ба роҳ,
Ки ҳар ду кунадшон ба раҳ-бар[5] табоҳ.

Бикард, он чи будаш зи бад дастрас,
Ҷаҳондорашон буд нигаҳдору бас.

В-аз он пас ба кини Сиёвуш сипоҳ
Сӯи Косарӯд андаромад ба роҳ.

Ба Лодан, ки омад сипоҳи гашан
Шабехун ба Эрон ба ҷанги Пашан,

Ки чандин[6] писар пеши ман кушта шуд,
Дили номдорон ҳама[7] гашта шуд.

1. И-Ки.
2. И-б. 1658 нест
3. Л-болин зи.
4. ИЛ-пас.
5. ЛМ-Ба раҳ-бар кунадшон магар худ.
6. ИЛ-чандон.
7. И-аз он.

www.sattor.com

Кунун бо сипоҳе ҳама[1] ҷангҷӯй
Биёмад ба рӯй андаровара рӯй.

Чу бо мо писанда[2] нахоҳад будан,[3]
Басе[4] достонҳо бихоҳад задан.

Ҳаме чора созад бар он, то сипоҳ
Зи Турон биёяд бад-он размгоҳ.

Саронро ҳаме хонад[5] акнун ба ҷанг,
Якояк бибояд шудан*[6] тезчанг,

Ки гар мо бар ин кор сустӣ кунем,
Бар ин ҷанг на[7] пешдастӣ кунем.

Баҳона кунад, бозгардад зи ҷанг,
Бупечад сар аз кинаву ному нанг.

Бад-он гаҳ, ки созанд бо мо набард,
Аз он номдорон барорем гард.

В-ар эдун, ки Пирон аз он гуфти хеш
Нагардад, кунад ҷангро даст[8] пеш,

Пазируфтам ин аз шумо сар ба сар,
Ки ман пеш бандам бар ин кин камар.

Або пирасар тан бар ин размгоҳ
Ба куштан диҳам пеши эронсипоҳ.

Ману гурд Пирону Рӯину Гев
Якояк бисозем мардони нев,

1. ИЛ-чунин.
2. ИМ-басанда.
3. И-шудан.
4. И-ҳама.
5. Л-хоҳад.
6. М-будан.
7. Л-бад-ин ҷанг чун.
8. И-пой.

www.sattor.com

Ки кас дар ҷаҳон ҷовидона намонд,
Ба гетӣ зи мо ҷуз фасона намонд.

Ҳамон ном беҳтар,[1] ки монад баланд,
Ки марг афканад сӯи мо ҳам каманд.

Замона ба мурдан,[2] ба куштан якест,
Вафо бо сипеҳри равон андакест.

Шумо низ бояд, ки ҳам з-ин нишон
Або найзаву теғу мардумкушон[3]

Ба кина бубандед яксар камар,
Ҳар он кас, ки ҳаст аз шумо кинавар,

Ки давлат гирифтаст аз эшон нишеб,
Кунун кард бояд бад-ин кин ниҳеб.

Ба Турон чу Ҳумон саворе набуд,
Ки бо Бежани Гев разм озмуд.

Чу баргашта шуд,[4] бахти ӯ шуд нагун,
Бурида сараш зору ғалтон ба хун.

Набояд шикӯҳид аз эшон ба ҷанг,
Нашояд кашидан зи пайкор чанг.

---

1. Л-бояд.
2. ИМ-маргу.
3. И-пас аз б. 1683 ин б. омада, ки ба рафти воқеаи тасвиршуда алоқа надорад:

   Шаб омад аз он ҷой гаштанд боз
   Бузургони гарданкашу сарфароз,
   Бифармуд, то хону май хостанд,
   Ба руду ба ромишгаҳ оростанд.
   Чу хуршед аз парда сар баркашид,
   Фурӯғи ситора аз ӯ нопадид.
   Ба пеши ҷаҳонпаҳлавон омаданд,
   Ҳама бо дуруду навон омаданд.
   Бигуфтанд бо паҳлавони сипоҳ,
   Ту моро бар ин ҷанг бинмой роҳ.
4. Л-буд.

www.sattor.com

В-ар эдун, ки Пирон нахоҳад набард,
Ба анбӯҳ лашкар биёрад чу гард.

Ҳам эдун ба анбӯҳ моро чу кӯҳ
Бибояд шудан пеши ӯ ҳамгурӯҳ,

Ки ҳастанд эшон ҳама хастадил
Ба тимор барбаста пайваста дил.

Бар онам, ки моро бувад дастгоҳ,
В-аз эшон барорем гарди сиёҳ.

Бигуфт ин сухан сар ба сар паҳлавон,
Ба пеши ҷаҳондида фаррухгавон.

Бар ӯ сар ба сар хонданд офарин[1]
Ки эй некдил меҳтари покдин,[2]

Аз он гаҳ, ки Яздон ҷаҳон офарид,
Чу ту паҳлавон дар ҷаҳон кас надид.

Парастанда чун ту Фаридун надошт,
Ки гетӣ саросар ба шоҳӣ гузошт.

Сутуни сипоҳиву солори шоҳ,
Зи ту барфарозанд гурдон[3] кулоҳ.

Фидо кардаӣ ҷону фарзанду чиз,
Зи солор шоҳон чӣ хоҳанд низ.

Ҳама ҳарчи шоҳ аз Фарибурз ҷуст
Зи Тус, он кунун аз ту бинад[4] дуруст.

Ҳама сар ба сар мо туро бандаем,
Ҳама дил[5] ба меҳри ту огандаем.

---

1. И-офарин хонданд.
2. И-В-аро паҳлавони замин хонданд.
3. ИМ-Барорандаи тоҷу гоҳу.
4. И-ҷӯянд.
5. И-омад.
5. И-Дилу ҷон.

www.sattor.com

Гар эдун, ки Пирон зи туронсипоҳ
Сарон оварад пеши мо кинахоҳ.

Зи мо даҳ мубориз в-аз эшон ҳазор
Нигар, то кӣ печад сар аз корзор.

В-ар эдун, ки лашкар ҳама ҳамгурӯҳ
Ба ҷанг андарорад ба дашту ба кӯҳ.

Зи кина ҳама пок дилхастаем,
Камар бар миён ҷангро бастаем.

Фидои ту бодо ҳама ҷони мо,
Саросар бар ин аст паймони мо».

Чу Гударз посух бад-ин сон шунид,[1]
Шуд андар дилаш рӯшноӣ падид.[2]

Бар[3] он номдорон гирифт[4] офарин,
Ки «Эй паҳлавонони шоҳи[5] замин,

Чунин аст оини ҷанговарон,
Сарафрозшерон, набардасарон.[6]

Сипаҳро бифармуд, то барнишаст,
Ба кина камар бар миён - бар бубаст.[7]

Чапи лашкараш буд Руҳҳоми гурд
Ба Фарҳоди хуршедпайкар супурд.

Сӯи рост ҷои Фарибурз буд,
Ба Катмораи Қоранон дод зуд.

Ба Шедуш фармуд, к-Эй пури ман,
Ба ҳар кор шоиста дастури ман.

1. И-шунид.
2. И-Ба дил - андарун шодмонӣ фузуд.
3. И-ба.
4. И-бикард.
5. И-гурдшерони рӯи.
6. ИЛ-б. 1708 нест.
7. И-миёнро бубаст.

www.sattor.com

Ту бо ковиёнӣ дурафшу сипоҳ
Ба пушти сипаҳ бош лашкарпаноҳ.[1]

Бифармуд пас Густаҳамро, ки шав
Сипаҳро ту бош ин замон пешрав.

Туро буд бояд ба солоргоҳ
Нигаҳдору ҳушёру[2] пушти сипоҳ.

Сипаҳро бифармуд, к-аз ҷои хеш
Набояд, ки як тан ниҳад[3] пой пеш.

Ҳама Густаҳамро кунед офарин,
Шабу рӯз бошед бар пушти зин.

Баромад хурӯш аз миёни сипоҳ
Гирифтанд зорӣ бар он размгоҳ.

Ҳама сар ба сар пеши ӯ тохтанд,
Ҳама хокро бар сар андохтанд,

Ки бо пирасар паҳлавони сипоҳ
Камар басту шуд сӯи овардгоҳ.[4]

Сипаҳдор чун Густаҳамро бихонд,
Басе панду андарз бо ӯ биронд.

Бад-ӯ гуфт зинҳор бедор бош,
Сипаҳро зи душман нигаҳдор бош.

Шабу рӯз дар ҷавшану ҷангҷӯй,[5]
Нигар, то кушода надорӣ ту рӯй.

Чу оғозӣ аз ҷанг пардохтан,
Бувад хобро бар ту бартохтан.

---

1. Л-Бирав, пушти лашкар ту бошу паноҳ.
2. Л-ҳушёр.
3. Л-Нигар н-оваранд.
4. ТПМЗ – Чи гуна писандад зи мо додгар,
   Ки ту разм ҷӯӣ або пирасар?
5. ИЛ-киначӯӣ.

www.sattor.com

Ҳамон чун сар орӣ ба сӯи нишеб,
Зи нохуфтагон бар туояд ниҳеб.

Яке дидабон бар сари кӯҳ дор,
Сипаҳро зи душман беандӯҳ дор,

В-ар эдун, ки ояд зи Туронзамин
Шабе ногаҳон тохтан аз камин,

Ту бояд, ки пайкори мардон кунӣ,
Ба ҷанг-андар оҳанги гурдон кунӣ,

В-ар эдун, ки аз мо бад-ин размгоҳ
Бад огоҳӣ ояд зи Туронсипоҳ,

Ки моро ба овардгаҳ баркушанд,
Сари бетанонмон ба Турон кашанд,

Сипаҳро нигар, то наёрӣ ба ҷанг,
Се рӯз андар ин кор бояд диранг.

Ҷаҳорум худ ояд ба пушти сипоҳ
Шаҳи номбардор бо фарру ҷоҳ»[1].

Чу гуфтори Гударз з-он сон шунид,
Сиришкаш зи мижгон ба рух барчакид.

Пазируфт сар то ба сар панди ӯй,
Ҳаме ҷуст аз он кор пайванди ӯй.

Ба Гударз[2] гуфт: «Он чи фармон диҳӣ,
Миён баста дорам ба сони раҳӣ.

СУХАН КАРДАНИ ПИРОН БО НОМДОРОНИ ХЕШ

Пас аз ҷанги пешин, ки омад шикаст
Ба Турон, пур аз дард буданду паст.

1. ИЛ- гоҳ.
2. ИЛМ – солор.

www.sattor.com

Хурӯшон писар бар падар рӯйзард,
Бародар зи хуни бародар бадард.

Ҳама сар ба сар сӯгвору нажанд,
Бар эшон дижам гашта чархи[1] баланд.

Чу Пирон чунон дид, лашкар ҳама
Чу аз гурги дарранда хаста рама.

Саронро зи лашкар саросар бихонд,
Фаровон сухан пеши эшон биронд.

Чунин гуфт, к-«Эй кордида гавон,
Ҳама судаи разм пиру ҷавон.

Шуморо ба наздики Афросиёб
Чӣ моя бузургиву ҷоҳ асту об?

Ба пирӯзиву фарраҳӣ номатон,
Ба гетӣ пароканда буд коматон.

Ба як разм, к-омад шуморо шикаст,
Кашидед якбора аз ҷанг даст.

Бидонед яксар, к-аз ин размгоҳ
Ба сустӣ агар бозгардад сипоҳ,

Паси мо зи Эрон диловарсарон
Биёянд бо гурзҳои гарон.

Якеро зи мо зинда андар ҷаҳон
Набинад кас аз кеҳтарону меҳон.

Бурун кард бояд зи дилҳо ниҳеб,
Гузидан мар ин ғамгинонро[2] шикеб.

Чунин достон омад аз мӯбадон,
Ки пирӯз Яздон бувад ҷовидон.

1. Л-Дижам гашта гардонсипеҳри.
2. З- ғамгинон.

www.sattor.com

Ҷаҳон сар ба сар бо фарозу нишеб
Чунин астамон рафт андар ниҳеб.

Ҳамон лашкар аст ин, ки дар ҷанги мо
Бупечиду пас[1] кард оҳанги мо.

Кунун аз бару буму фарзанди хеш
Ки андешад аз ҷону пайванди хеш?

Бад-ин размгаҳ баст бояд миён
Ба кина шудан пеши эрониён.

Чунин кард Гударз паймон, ки ман
Сарон баргузинам аз он анҷуман.

Якояк ба рӯй андарорем рӯй
Ду лашкар баросояд аз гуфтугӯй.

Гар эдун, ки паймон ба ҷой оварад,
Саронро зи лашкар ба пой оварад.

В-агар ҳамгурӯҳ андарояд ба ҷанг,
Пазира шавемаш ҳама тезчанг.*[2]

Агар сар ҳама сӯи ханҷар барем,
Ба рӯзе бизодему рӯзе мурем.

В-агарна сароншон барорам ба дор,
Дурӯя бувад гардиши рӯзгор.

Агар сар бупечад кас аз гуфти ман,
Бифармоямаш сар буридан зи тан».

Гирифтанд гурдон[3] ба посух шитоб,
Ки «Эй паҳлавони рад, Афросиёб,

Ту аз дер гоҳ аст бо ганҷи хеш
Гузидастӣ аз баҳри мо ранҷи хеш,

1. Л- бас.
2. М- Набояд кашидан зи пайкор ҷанг.
3. И- туркон.

www.sattor.com

Миён бастаӣ пеши мо чун раҳӣ,
Писар бо бародар ба куштан диҳӣ.

Чаро сар бупечем, мо худ кием?
Чунин бандаи ту зи баҳри чием?»

Бигуфтанду аз пеш бархостанд,
Ба пайкор яксар биёростанд.[1]

Ҳама шаб ҳаме сохтанд ин сухун,
Ки афканд солори бедор[2] бун.

Ба шабгир овози шайпуру ной
Баромад зи даҳлези пардасарой.

Нишастанд бар зин сапедадамон
Ҳама номдорон ба тиру*[3] камон.

Ту гуфтӣ, ки аз наъли аспон[4] замин
Бипӯшад ҳаме чодари оҳанин.

Сипаҳбад ба Лаҳҳоку[5] Фаршедвард
Чунин гуфт, к-«Эй номдорони мард.

Шуморо нигаҳбони туронсипоҳ
Ҳаме буд бояд бар ин размгоҳ.

Яке дидабон бар сари кӯҳ дор
Нигаҳбони рӯзу ситорашумор.[6]

В-ар эдун, ки моро зи гардонсипеҳр
Бад омад бибуррад зи мо пок меҳр,

1. И- бароростанд.
2. И- Тӯрон ба.
3. М-бозӯ.
4. ЛМ- зи сумми сутурон.
5. Л-Каҳҳол.
6. Л-б. 1772 нест.

www.sattor.com

Шумо ҷангро худ маёед зуд,
Шитобед аз эдар ба Турон чу дуд*[1],

К-аз ин тухмаи висагон кас намонд,
Ҳама кушта шуд, ҷуз шумо бас намонд[2]*[3].

Гирифтанд мар якдигарро канор
Ба дарди ҷигар баргиристанд зор.

В-аз он пас зи ҳам рӯй баргоштанд,
Ғиревидану бонг бардоштанд.

Пур аз кина солори туронсипоҳ
Хурӯшон биёмад ба овардгоҳ.

НОМЗАД КАРДАНИ ГУДАРЗ ВА ПИРОН ГАВОНРО БАРОИ ҶАНГИ ЁЗДАҲ РУХ

Чу Гударзи Кашоводагонро бидид,
Сухан гуфт чандеву[4] посух шунид.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй пурхирад паҳлавон,
Ба ранҷ-андарун чанд печӣ равон?

Равони Сиёвахшро[5] з-он чӣ суд,[6]
Ки аз буми[7] Турон барорӣ ту дуд?

Бад-он гетӣ ӯ ҷои некон гузид,
Нагирӣ ту ором, к-ӯ орамид.

Ду лашкар чунин пок бар якдигар
Фикандӣ чу пилон зи тан дур сар.

---

1. М – Шумо сӯи Турон шитобед сахт,
   Ки аз мо ба якбора баргашт бахт.
2. ТПЗМ – Чӣ донем кардан або рӯзгор,
   К-аз аввал ҳам ӯ бошад омӯзгор.
3. М – Замона ҳаме гардашон барфишонд.
4. И- бисёру.
5. Л-Сиёвушро.
6. М – бохирад.
7. ИЛМ- Шаҳри.

www.sattor.com

Сипоҳи ду кишвар ҳама шуд табоҳ,
Гаҳ омад, ки пардозӣ ин кинагоҳ.

Ҷаҳон сар ба сар пок бе мард гашт,
Бар ин кина пайкори мо сард гашт.

Чаро кушт бояд ҳаме бегуноҳ,
Сухан барниҳодам кунун бар ду роҳ.[1]

В-ар эдун, ки ҳастӣ чунин кинадор,
Аз он пояи кӯҳ сипаҳ эдар[2] ор.

Ту аз лашкари хеш берун хиром,
Магар, к-ат барояд аз ин кина ком.

Ба танҳо ману ту бар ин дашти кин
Бигардем ҷанговарон ҳамчунин.

Зи мо ҳар киро ҳаст пирӯзбахт,
Расад худ ба кому нишинад ба тахт.

Агар ман ба дасти ту гардам табоҳ,
Наҷӯӣ ту кина зи туронсипоҳ.

Ба пеши ту оянду фармон кунанд,
Ба паймон сароншон[3] гаравгон кунанд.

В-агар ту шавӣ кушта бар дасти ман
Абар номдорони он анҷуман,

Маро бо сипоҳи ту пайкор нест,
Бар эшон зи ман тарсу тимор нест».

Чу Гударз гуфтори Пирон шунид,
Зи ахтар ҳама кори ӯ тира дид.

Нахуст офарин кард бар кирдгор,
Дигар ёд кард аз шаҳи номдор.

---

1. ИЛ – 1786 нест.
2. Л – андар; И – кӯҳпоя сипоҳ андар.
3. И – эшон.

www.sattor.com

Ба Пирон чунин гуфт, к-Эй номвар,
Шунидем гуфтори ту сар ба сар.

Зи хуни Сиёвуш ба Афросиёб
Чӣ суд аст, баргӯю сар барматоб,

Ки чун гӯсфандаш буриданд сар,
Пур аз хун дил, аз дард хаста ҷигар.

В-аз он пас баровард з- Эрон хурӯш
Зи бас куштану ғорату ҷангу ҷӯш.

Сиёвуш ба савганди ту сар бидод,
Ту додӣ ба хира мар ӯро ба бод.

В-аз он пас, ки назди ту фарзанди ман
Биёмад, кашидӣ сар аз панди ман.

Битобидиву ҷангро сохтӣ,
Ба кирдори оташ ҳаме тохтӣ.

Маро ҳоҷат аз кирдгори ҷаҳон
Бар ин гуна буд ошкору ниҳон,

Ки рӯзе ту пеши ман оӣ ба ҷанг,
Кунун, к-омадӣ, нест ҷои диранг.

Ба пиронсар акнун ба овардгоҳ
Бигардем як бо дигар бесипоҳ.[1]

Кунун номзад кун саросар[2] сипоҳ,
Ки пеши далерони ман размгоҳ

Биёянд размозмуда сарон,
Ба теғу синону ба гурзи гарон.

1. И – кинахоҳ.
2. И – сарони.

www.sattor.com

Бикӯшанду бо ҳам набард оваранд,
Сари якдигарро ба гард оваранд»[1].

Сипаҳдори туркон баророст кор,
Зи лашкар гузид он замон даҳ савор.[2]

Бурун тохтанд аз миёни сипоҳ,
Бирафтанд то ҷои овардгоҳ,

Ки дидори дида бад-эшон набуд,
Ду солор аз ин гуна ҷанг озмуд.

Або ҳар саворе зи туронсипоҳ
Аз Эрон яке шуд ба овардгоҳ.

Ниҳоданд пас Гевро бо Гурӯй,
Ки ҳамзӯр буданду пархошҷӯй.

Гурӯи Зиреҳ, к-аз миёни сипоҳ
Саросар бад-ӯ буд нафрини шоҳ,

Ки бигрифт риши Сиёвуш ба даст,
Сарашро бурид аз тани пок паст.

Дигар бо Фарибурзи Ковус тафт
Чу Калбоди Виса ба овард рафт.

Чу Руҳҳоми Гударз бо Бормон
Бирафтанд бо якдигар бадгумон.

Гуроза бишуд бо Сиёмак ба ҷанг
Чу шери жиён бо даманда наҳанг.

Чу Гургини корозмуда далер
Або Андаримон бурун шуд чу шер

---

1. И – б. 1810 нест;
ТПЗМ – Кунун ҳарчи гуфтӣ, ба ҷой оварӣ,
Аз ин гуфту паймони худ нагзарӣ.
* Л- ту аз; ** Л – аҳду; *** Л – мо.
2. ТПЗМ – Або аспу созу силеҳи тамом
Ҳама шермарде, ҳама некном.

www.sattor.com

Чу бо Бежани Гев Рӯини гурд,
Ба ҷанг аз ҷаҳон рӯшноӣ бибурд.

Чу Ахвос бо Зангаи Шоварон
Дигар Барта бо Кухрам аз ёварон.

Ва дигар Фирӯҳил або[1] Зангула
Бурун тохтанд аз миёни гала.

Ҳаҷиру Сипаҳрам ба кирдори дев
Аз он размгаҳ баркашида ғирев.

Чу Гударзи Кашводу Пирон ба ҳам
Ҳама сохта дил ба кину ситам*[2]

Ба хун ташна ҳар ду сипаҳбад ба кин
Чи аз подшоҳӣ, чи аз баҳри дин.

Бухӯрданд савганд бо якдигар,
Кӣ кас барнагардонад аз кина сар.

Бад-он то киро гардад омӯзгор,
Кӣ пирӯз гардад аз ин корзор.

Ду боло буд андар миёни[3] сипоҳ,
Ки шоист кардан ба ҳар сӯ нигоҳ.

Яке сӯи Эрон, яке[4] сӯи Тур,
Ки дидор будӣ ду лашкар зи дур.

Ба зер-андарун[5] буд ҳомуну дашт,
Ки бадбахту бахтовар он ҷо гузашт.[6]

Чунин гуфт Гударз бо саркашон,
Ки «Ҳар, к-ӯ зи гурдону мардумкушон[7]

---

1. Л – буду.
2. М – рӯй карда диҳнам.
3. И – ду рӯя.
4. И – дигар.
5. Л – Паси пушташон.
6. И – б. 1831 нест.
7. Л – гарданкашон.

www.sattor.com

Ба зер оварад душманеро зи тур,
Дурафшаш ба боло барорад зи дур.

Сипаҳдор Пирон нишоне ниҳод,
Ба болои дигар ҳаме кард ёд.[1]

В-аз он пас ба Ҳомун ниҳоданд сар,
Ба хун рехтан сахт[2] баста[3] камар.

Ба теғу ба тиру ба гурзу каманд
Ҳаме озмуданд ҳар гуна банд.

Далерони Турону кундоварон
Чу бо гурзу тиру парандоварон.

Агар кӯҳ пеш омадӣ рӯзи ҷанг,
Набудӣ бар он паст кардан диранг.

Ҳама дастҳошон фурӯ монда паст,
Дари зӯр Яздон бар эшон бубаст.

Ба доми бало андаровехтанд,
Ки бисёр бе дод хун рехтанд.

Фурӯ монда аспони ҷангӣ ба ҷой,
Ту гуфтӣ, ки бо даст бастаст пой.

Бад-эшон ҳама ростӣ шуд нагун,
Ки баргашт рӯзу биҷӯшид хун.

Чунон буд рои ҷаҳонофарин,
Ки гуфтӣ гирифт[4] он гавонро замин.[5]

Зи мардӣ, ки буданд бо бахти хеш,
Баровехтанд аз паи тахти хеш.

1. И – б. 1834 нест.
2. Л – аз Эрону Турон.
3. И – баста гурдон.
4. И – бубаст.
5. Л – б. 1841-1843 нест.

www.sattor.com

Сарон аз паи подшоҳӣ ба ҷанг
Бидоданд пок[1] аз паи ному нанг.

Дамон[2] омада то ба овардгоҳ,
Абар[3] якдигар тохта кинахоҳ.

Сипаҳдор Пирон бидонист роз,
Ки рӯзи бад омад ба тангӣ фароз.[4]

Чунин аст кори сипеҳри баланд,
Аз ӯ шодмонӣ в-аз ӯ мустаманд.

Ба ҷуз ҷангро ҳеч чора надид,
Ситам бар ситамкора омад падид.[5]

ҶАНГИ ФАРИБУРЗ БО КАЛБОД

Нахустин Фарибурз-гурди далер
Зи лашкар бурун тохт бар сони шер.[6]*[7]

Ба наздики Калбоди Виса дамон
Биёмад[8] ба зеҳ барниҳода камон.

Ҳаме гашт тираш наёмад чу хост,
Кашид он парандовар аз дасти рост.

---

1. И – ҷон.
2. Л – Давон.
3. Л – Бари.
4. ТПЗЛ – Чунин гуфт, к-эй довари кирдгор,
Бигардон зи ман ин бади рӯзгор.
Магар боз бинам бару бумро,
Бимонам ба санг ахтари шумро.
Ҳаме дид Пирон шумори сипеҳр
Бидонист, к-аз вай бибуррид меҳр.

* Л-бар

5. ТПЗЛ – Расиданд Гударзу Пирон ба ҳам
Сухан рафт ҳар гуна аз бешу кам.
6. И – 1846 – 1850 нест.
7. М – Нахуст аз далерони эронсипоҳ
Бурун шуд Фарибурзи Ковусшоҳ.
8. И – ба бозу.

www.sattor.com

Бароварду зад теғ бар гарданаш
Ба ду нима шуд то камаргаҳ танаш.

Фуруд омад аз аспу букшод банд,
Зи фитроки хеш он каёникаманд.

Бубаст аз бари асп[1] Калбодро,
Кушод аз бараш банди пӯлодро.

Ба боло баромад ба пирӯз ном
Хурӯше бароварду бугзорд гом,

Ки солори мо бод пирӯзгар
Ҳама душмани шоҳ хастаҷигар!

РАЗМИ ГЕВ БО ГУРӮИ ЗИРЕҲ

Ва дигар Гурӯи Зиреҳ деви нев
Бурун рафт бо пури Гударз-Гев.

Ба найза фаровон баровехтанд,
Ҳаме хок бо хун баромехтанд.

Синонҳои найза ба ҷанги савор
Фурӯ рехт аз ҳавли он корзор.

Камонҳо гирифтанду[2] тири ҳаданг
Як андар дигар тохта бедиранг.[3]

Ҳаме зинда боист мар Гевро,
К-аз асп андарорад мар он невро.

Чунин зинда дар пеши Хусрав барад,
Зи туркон яке ҳадяи нав барад.

Чу Гев андаромад Гурӯй аз ниҳеб
Камон шуд зи дасташ ба сӯи нишеб.

1. ЛМ – зин-ш.
2. И – Камон баргирифтанду.
3. ЛМ – чун наҳанг.

www.sattor.com

1865 Сӯи теғ бурд он замон дасти хеш,
Дамон Геви нев андаромад ба пеш.

Яке гурзаи говпайкар ба чанг
Хурӯшон ба кирдори шарзапаланг[1].

Амуде бизад бар сару тарги ӯй,
Ки хун андаромад зи торак ба рӯй.

Ҳам эдун зи зин даст бугзордаш,
Гирифту[2] ба бар сахт бифшордаш.

Чу бар пушти зин мард бетӯш гашт,
Аз асп андарафтоду беҳуш гашт.

1870 Фуруд омад аз асп ҷангипаланг,
Ду даст аз паси пушт басташ чу санг.

Нишаст аз бари зин мар ӯро ба пеш
Давониду шуд то бари ёри хеш.

Ба боло баромад дурафше ба даст
Ба наъра ҳаме кӯҳро кард паст.

Ба пирӯзии шаҳрёри замин
Ҳаме хонд бар паҳлавон офарин.

РАЗМИ ГУРОЗА БО СИЁМАК

Се дигар Сиёмак зи Туронсипоҳ
Бишуд бо Гуроза ба овардгоҳ

1875 Чунин ҳар ду найза гирифта ба даст
Хурӯшон ба кирдори пилони маст.

Пур аз хашму пурҷангу кина сарон
Гирифтанд аз он пас амуди гарон.

---

1. И –б. 1886 нест.
2. ИЛ – Гирифташ.
М – Биёмад.

www.sattor.com

Чу шерони ҷангӣ барошуфтанд,
Ҳаме бар сари якдигар кӯфтанд.

Забоншон шуд аз ташнагӣ лахт-лахт,
Ба тангӣ фароз омад он кори сахт.

Пиёда шуданду баровехтанд,
Ҳаме гарди кина барангехтанд.

Гузора бизад даст бар сони шер
Мар ӯро чу бод андаровард зер.

Чунон сахт зад бар замин, к-устухон
Бирезиду ҳам дар замон дод ҷон.

Гуроза ҳамон дам[1] бубасташ бар асп,
Нишаст аз бари зин чу озаргушасп

Гирифт он гаҳ аспи Сиёмак ба даст,
Ба боло баромад ба кирдори маст.

Дурафши хуҷаста ба даст-андарун
Гурозону шодону душман нагун.

Ба пирӯзии шоҳу бахти баланд
Ба ком омада зери тахти баланд.[2]

Фуруд омад аз аспу кард офарин
Зи додор бар бахти шохи замин.

РАЗМИ ФИРӮҲИЛ БО ЗАНГУЛА

Чаҳорум[3] Фирӯҳил буду Зангула
Ду ҷангӣ ба кирдори шери яла.[4]

1. ИЛМ – гах.
2. ИМ – б.1885, нест.
3. Л- Ва дигар.
4. ТПЗИЛ – Хурӯшону ҷӯшону наъразанон
Далерон пур аз хун чу шери жиён.

www.sattor.com

Ба Эрон набарда ба тиру камон
Набуд чун Фирӯҳил дигар бегумон.*[1]

Чу аз дур турки дижамро бидид,[2]
Камонро ба зеҳ карду андаркашид.

Абар Зангула тирборон гирифт,
Ба ҳар сӯ камини саворон гирифт.

Хаданге ба ронаш бизад ҳамчу*[3] бод,
Ки бугзашт бар аспу бар марди род.

Ба рӯй андаромад таковар зи дард,
Ҷудо гашт аз ӯ Зангула рӯйзард.

Нагун шуд сари Зангула, ҷон бидод,
Ҳамоно ки худ рӯзи бадро бизод.*[4]

Фирӯҳил фурӯ ҷасту бубрид сар-ш,
Бурун кард хафтони румӣ зи бар-ш.

Сарашро ба фитроки зин-бар бубаст,
Биёмад, гирифт аспи ӯро ба даст.

Ба боло баромад ба сони паланг
Ба хун ғарқа гашта бару теғу чанг.

Дурафши хуҷаста баровард рост
Шуда шоддил, ёфта он чи хост.

РАЗМИ РУҲҲОМ БО БОРМОН

Ба панҷум чу Руҳҳоми Гударз буд,
Ки бо Бормон ӯ набард озмуд.[5]

1. М – саворе дамон.
2. Л – Фирӯҳил чу турки дижамруй дид.
3. М – бар аспаш даромад чу.
4. М – ҷуз рӯзи бадро назод.
5. И –б. 1889-1898 нест.

www.sattor.com

Камон баргирифтанду тиру ҳаданг,
Баромад хурӯши[1] саворони ҷанг.

Камонҳо ҳама пок бар ҳам шикаст,
Сӯи найза бурданду шамшер даст.

Ду ҷангиву ҳарду далеру савор,
Ҳушивору дида басе корзор.[2]

Бигаштанд бисёр бо якдигар,
Бупечид Руҳҳоми пархошхар.

Яке найза андохт бар рони ӯй,
К-аз асп андаромад ба фармони ӯй.[3]

Ҷудо гашт аз ӯ Бормон ҳамчу гард,
Савор андаромад зи боди набард.

Ба пушт-андараш найзае зад дигар,
Синон андаромад[4] миёни ҷигар.

Ба кини Сиёвуш кашидаш нагун,
Зи кина бимолид бар рӯй хун.

Ба зин андаровард, басташ чу санг
Сар овехта, пойҳо зери танг.

Нишаст аз бари зину ӯро кашон
Баромад дамон то ба ҷои нишон.[5]

Ба пирӯзии шоҳу тахти баланд
Ба ком омада, ёфт бахти баланд.

---

1. ИЛ - хурӯш аз.
2. Л - 1901 нест.
3. И –б.1902, 193 нест.
4. Л – Синонаш даромад.
5. ТПЗИЛМ - Ба боло баромад, шуда шодмон *
   Дил озод гашта зи дарду ғамон. **

* ИЛЗ – шоддил ** Л- З-зи дарду ғамон гашта озод дил.

www.sattor.com

Бикард офарин бар ҷаҳондор шоҳ
Бар он тухмаи Хусрави некхоҳ.[1]

РАЗМИ БЕЖАН БО РӮИН

Шашум Бежану Геву Рӯин дамон
Ба зеҳ барниҳоданд ҳар ду камон.

Чапу рост гаштанд бо якдигар.
Нашуд тирашон аз камон коргар.

Ба рӯинамуд он гаҳе пури гев
Ҳаме гашт бо гурд Рӯини нев.

Ба овардгаҳ- бар бад-ӯ даст ёфт,
Заминро бидарриду андаршитофт.

Зад аз бод бар сар-ш рӯинсутун,[2]
Фурӯ рехт аз торакаш мағзу хун.

Ба зин-андарун ҷони ширин[3] бидод,
Зи Пирони Виса ҳама[4] кард ёд.

Пас он гаҳ зи асп андаромад нагун,
Ҳама тан[5] пуроҳан, даҳон[6] пур зи хун.

Бирафт аз паи суду моя бидод,
Ҳанӯз аз ҷавониш нобуда шод.[7]

Чунин аст гетӣ пуросебу шеб,[8]
Пас аз ҳар фарозе ниҳода нишеб.[9]

1. ИЛ-б.1900 нест.
2. ИЛ – Румӣ сутун.
3. И – зини паланг андарун ҷон.
4. И – ҳаме.
5. Л – бар.
6. Л – даҳан.
7. ЛМ – Набуд аз ҷавониш як рӯз шод.
8. И – кори ҷаҳон пурфиреб.
9. Л – б. 1919 нест.

www.sattor.com

Зи асп андаромад сабук[1] Бежано,
Мар ӯро ба кирдори Аҳримано[2]

Ба шамшер кардаш ҷудо сар зи тан,
Наёбад ҳаме кушта гӯру кафан.

Каманд андарафканду бар зин кашид,
Набуд кас, ки тимори Рӯин кашид.

Бар аспаш би кирдори пилони маст
Гирифт он замон полҳангаш ба даст

Инони ҳаюни таковар битофт,
В-аз он ҷойгаҳ сӯи боло шитофт.

Ба ҷанг - андарун шерпайкар дурафш,
Бар он ғайбаи зангхӯрда[3] бунафш.

Ҳаме гуфт пирӯзгар бод шоҳ,
Ҳамеша сари паҳлавон бо кулоҳ!

РАЗМИ ҲАҶИР БО СИПАҲРАМ

Бурун тохт ҳафтум зи гурдон Ҳаҷир
Гави номдору савори ҳужир.

Сипаҳрам зи хешони Афросиёб
Гави номвар буду бо ҷоҳу об.

Або пури Гударз разм озмуд,
Ки чун ӯ ба лашкар саворе набуд.

Бирафтанд ҳарду ба ҷои набард,
Баромад зи овардгаҳ тира гард.

Ба шамшер ҳарду баровехтанд,
Ҳаме з-оҳан оташ фурӯ рехтанд.

1. И – андарун ҷаст паст.
2. ИЛ – оҳармано.
3. И – Пур аз занг чун ғайбаҳои бунафш.

www.sattor.com

Ҳаҷири диловар ба кирдори шер
Ба рӯи Сипаҳрам баромад далер.

Ба номи ҷаҳонофарин кирдгор,
Ба бахти ҷаҳондори нав шаҳрёр

Яке теғ зад бар сари тарги ӯй,
Ки омад ҳам андар замон марги ӯй.

Аз асп андарафтод он гаҳ нагун
Ба хориву зориву ғарқа ба хун.

Фуруд омад аз асп фаррух Ҳаҷир,
Мар ӯро бубаст аз бари зин ҳужир.

Нишаст аз бари аспу он аспи ӯй
Гирифташ лагому битобид*[1] рӯй.

Баромад ба болову кард офарин
Бар он ахтари неку фаррухзамин.

Ҳама зӯру бахт аз ҷаҳондор дид,
В-аз ӯ гардиши бахт бедор дид.

РАЗМИ ГУРГИН ВА АНДАРИМОН

Чу Гургин ба ҳаштум бишуд*[2] кинахоҳ,
Або Андаримон зи Туронсипоҳ.

Ҷаҳондидаву коркарда ду мард
Бирафтанду ҷустанд ҷои набард.

Ба найза бигаштанду бишкаст паст,
Камонҳо гирифтанд ҳарду ба даст.

Буборид тир аз камони сарон
Ба рӯй андароварда Гург испарон.

1. М – Гирифта инон андаровард рӯй.
2. М – Бурун рафт Гургин нуҳум кинахоҳ.

www.sattor.com

Ҳаме тир борид ҳамчун тагарг,
Бар он испари Гургу он хӯду тарг.[1]

Яке тир Гургин бизад бар сараш,
Ки бардӯхт бо тарги румӣ сараш.

Биларзид бар зин зи сахтӣ савор,
Яке теғи дигар бизад номдор

Биёмад ба паҳлӯи турк-андарун,[2]
Зи чашмаш бурун омад аз дард хун.

Фуруд омад аз асп Гургин чу гард,
Сари Андаримон зи тан дур кард.

Ба фитрок барбасту худ барнишаст,
Инони савори набарда ба даст.

Бар он тундболо баромад дамон
Ҳам эдун ба деҳ-бар ба бозу камон.

Ба нерӯи Яздон, ки ӯ буд паноҳ,
Ба пирӯзбахти ҷаҳондор шоҳ.

Чу пирӯз баргашт мард аз набард,
Дурафши дилафрӯз барпой кард.

РАЗМИ БАРТА БО КУҲРАМ

Нуҳум Барта бо Куҳрами теғзан
Ду хуниву*[3] ҳар ду сари анҷуман.[4]

Ҳаме озмуданд ҳар гуна ҷанг,
Гирифтанд пас теғи ҳиндӣ ба чанг.

1. Л – б. 1944 нест.
2. ИМ – Ба паҳлуи турк андаромад нагун.
3. М – ҷангиву.
4. ТПМ – Бурун тохта то ба овардгоҳ,
   Баровехта аз паи кини шоҳ.

www.sattor.com

Якояк бупечид аз Барта рӯй
Яке теғ зад бар сари тарги ӯй,

Ки то сина Куҳрам ба ду ним гашт,[1]
Дили душман аз Барта пурбим гашт.[2]

Фуруд омад аз аспу ӯро бубаст,
Бар он зини туживу[3] худ барнишаст.

Ба боло баромад чу шарзапаланг,
Хурӯшон яке теғи ҳиндӣ ба чанг.

Дурафши ҳумоюн ба чанг*[4]- андарун,
Фиканда бар он асп Куҳрам нагун.

Ҳамегуфт шоҳ аст пирӯзгар,
Ҳамеша кулоҳаш ба хуршед-бар.

РАЗМИ ЗАНГАИ ШОВАРОН БО АХВОСТ

Даҳумро зи гурдону ҷанговарон
Бишуд сохта Зангаи Шоварон,

Ки ҳамразмаш аз бахт Ахвост буд,
Ки аз ҷанги кас сар на баркост буд.

Гирифтанд ҳарду амуди гарон,
Чу Ахвост бо Зангаи Шоварон.

Бигаштанд аз андоза берун ба ҷанг,
Зи бас кӯфтан гашт пайкори танг.

Фурӯ монд аспони тозӣ зи таг,
Ту гуфтӣ дар аспон наҷунбид раг.[5]

1. И – шуд.
2. И – Зи душман дили Барта бебим шуд.
3. ИМ – тузӣ.
4. М – даст.
5. Л –б. 1965 нест.

www.sattor.com

Чу хуршеди тобон зи гунбад бигашт,
Ба кирдори оҳан битафсид дашт.

Чунон хаста гаштанд бар ҷои хеш,
Ту гуфтӣ яке пой нанҳод пеш.

Забон баркушоданд бар якдигар
Ки акнун зи гармӣ битафсад ҷигар.

Бибояд баросуду дам барзадан,
Пас он гаҳ сӯи ҷанг бозомадан.

Бирафтанду аспони ҷангӣ ба ҷой
Фуруд овариданду бастанд пой.

Ба осудагӣ боз бархостанд,
Ба пайкору кина биёростанд.

Ба кирдори оташ ба найза савор
Ҳамегашт бар маркази корзор.

Бад-он гаҳ, ки Занга бад-ӯ даст ёфт,
Заминро бидарриду[1] андаршитофт.

Яке найза зад бар камаргоҳи ӯй,
Зи аспаш нагун карду барзад ба рӯй.

Чу раъди хурӯшон яке вайла кард,
Ту гуфтӣ бидаррид дашти набард.

Фуруд омад аз аспу шуд назди ӯй,
Бар он хоки тира кашида ба рӯй.

Мар ӯро ба чора зи рӯи замин
Нагунаш барафканд бар пушти зин.

Нишаст аз бари аспу боло гирифт,
Ба туркон чи омад зи бахт, эй шигифт.

1. И – Синон сӯи ӯ карду.

www.sattor.com

Бар он кӯҳи фаррух баромад зи паст
Яке гургпайкар дурафше ба даст.

Бизад пеши ёрону кард офарин
Абар шоҳу бар паҳлавони замин.*[1]

РАЗМИ ГУДАРЗ БО ПИРОН

Чу аз рӯз нӯҳ соат андаргузашт,
Зи туркон набуд кас бар он паҳндашт.

Равонҳои туркон гусиста ба теғ,
Ҷаҳонро ту гуфтӣ наёмад дареғ.

Касеро кучо парваронад ба ноз,
Барорад бар ӯ рӯзгори дароз.

Шабехун кунад гоҳи шодӣ бад-ӯй,
Ҳамон*[2] сахтиву хорӣ орад ба рӯй.

Зи бод андарорад, диҳадмон ба дам,
Ҳаме дод хонему пайдо ситам.

Ба туроииён-бар аз он ҷанги шум
Бар овардгаҳ кардан оҳанги шум.[3]

Чунон шуд, ки Пирон зи туронсипоҳ
Саворе надид андар овардгоҳ.

Сипаҳдори Эрону Турон ба ҳам
Фароз омаданд андар он кин дижам.

Ҳаме барнаваштанд рӯи замин,
Ҳама дил пур аз дарду сар пур зи кин.

Бар овардгоҳи саворон зи гард
Фурӯ монд хуршед рӯзи набард.

1. М – 1961 – 1980 нест.
2. М – Ҳама.
3. Л – б. 1986 нест.

www.sattor.com

Ба теғу ба ханҷар, ба гурзу каманд,
Зи ҳар гунае барниҳоданд банд.

Фароз омад он гардиши эзадӣ
Зи Яздон ба Пирон расид он*[1] бадӣ.

Або хости Яздон-ш чора намонд,
Ки дар зери ӯ зӯри бора намонд.

Нигаҳ кард Пирон, ки ҳангом[2] чист,
Бидонист, к-он гардиши эзадист.

Валекин зи мардӣ ҳаме кард кор,
Бикӯшид бо гардиши рӯзгор.

В-аз он пас камон баргирифтанду тир,
Ду солори лашкар-ду ҳушёр пир.[3]

Нигаҳ кард Гударз тири ходанг,
Ки оҳан гузорад мар онро ба санг.

Ба баргустувон барзадаш, бардарид,
Таковар биларзиду дам даркашид.

Бияфтоду Пирон даромад*[4] ба зер,
Биғалтид зераш савори далер.

Зи нерӯш ду нима шуд дасти рост,
Бупечиду он гоҳ бар пой хост.

Бидонист, к-омад замонаш фароз,
В-аз он рӯзи тира наёбад ҷавоз.

---

1. М – Расонид аз Эрон ба Турон.
2. И – ҳангома.
3. ТПЗИЛ – Яке тирборон бикарданд сахт,
Чу боди хазон барҷаҳад бар дарахт.
4. М – Пирон-ш омад.

www.sattor.com

Зи Гударз бугрехт, шуд сӯи кӯҳ,
Шуд аз дарди дасту[1]*[2] давидан сутӯҳ,

Ҳаме шуд бар он кӯҳсар-бар давон,
К-аз ӯ бозгардад магар паҳлавон.

Нигаҳ кард Гударзу бигрист зор
Битарсид аз он гардиши рӯзгор.

Бидонист, к-аш нест бо кас вафо,
Миён баста дорад зи баҳри ҷафо.

Фиғон кард, к-«Эй номвар паҳлавон,
Чӣ будат, ки эдун пиёда давон,

Ба кирдори нахчир дар пеши ман,
Куҷот он сипоҳ, эй сари анҷуман?

Куҷот он ҳама зӯру мардонагӣ,
Силеҳу дилу ганҷу фарзонагӣ?

Сутуни гавон, пушти Афросиёб
Кунун шоҳро тира шуд[3] офтоб.

Замона зи ту пок баргошт рӯй,
На ҷои фиреб аст, чора маҷӯй!

Чу корат чунин гашт, зинҳор хоҳ
Ба ҷон, то-т зинда барам назди[4] шоҳ.

Бубахшоядат шоҳи пирӯзгар,
Ки ҳастӣ чу ман паҳлави пирсар».[5]*[6]

Бад-ӯ гуфт Пирон, ки «Ин х(в)ад мабод,
Ба фарҷом бар ман чунин бад мабод,

1. Л – Ҳамешуд зи дарду.
2. М – Ғамӣ шуд зи дард, аз давидан сутӯҳ.
3. ИЛ – гашт.
4. И- то барам зинда наздики.
5. И-б. 212 нест
6. М – Ки чун барф бинад туро ришу сар.

www.sattor.com

К-аз ин пас маро зиндагонӣ бувад,
Ба зинҳор рафтан гаронӣ[1] бувад.

Ман андар ҷаҳон маргро зодаам,
Бад-ин кор гардан туро додаам.

Шунидастам ин достон аз меҳон,
Ки ҳарчанд бошӣ ба хуррамҷаҳон,

Саранҷом марг асту з-ӯ[2] чора нест,
Ба ман-бар бар ин[3] ҷои пайғора нест.

Ҳаме гашт Гударз бар гирди кӯҳ,
Набудаш бад-ӯ роҳу омад сутӯҳ.

Пиёда бибуду[4] сипар баргирифт,
Чу нахчирҷӯён[5] кӯҳ-андар гирифт.

Гирифта сипар пешу жӯпин ба даст,
Ба боло ниҳода сар аз ҷои паст.

Ҳаме дид Пирон мар ӯро зи дур,
Бичаст аз сари санг солори Тур.

Бияндохт жӯпин[6] ба кирдори тир
Баромад*[7] ба бозуи солори пир.

Чу Гударз шуд хаста бар дасти ӯй
Зи кина ба хашм андаровард рӯй.

Бияндохт жӯпин, ба Пирон расид,
Зиреҳ дар бараш сар ба сар бардарид.

Зи пушт андаромад ба роҳи ҷигар
Биғалтиду осема баргашт сар.

1. ИЛ- гумонӣ.
2. Л- аст аз ӯ; И –аст з-ӯ.
3. И- чунин.
4. ИЛ- нахчиргонон
5. И- раҳ-андар.
6. ИЛМ – ханҷар.
7. М – Даромад.

www.sattor.com

Баромад-ш хуни ҷигар аз даҳон,
Равонаш ҳаме рафт зӣ ҳамраҳон.

Чу шери жиён андаромад ба сар
Ба жӯпини пӯлод хаста ҷигар.

Бар он кӯҳи хоро замоне тапид,
Пас аз кину овардгаҳ орамид.

Чунин аст худ гардиши рӯзгор,
Нагирад ҳаме панди омӯзгор.

Замона ба захр об додаст чанг,
Бидаррад дили шеру чарми паланг.

Чу Гударз баршуд бар он кӯҳсор
Бидидаш бар он гуна афканда хор,

Шикаста дилу даст, бар хок сар,
Дарида силеҳу гусаста камар.

Чунин гуфт Гударз, к-«Эй наррашер,
Сари паҳлавонону гурди*[1] далер,

Ҷаҳон чун ману чун ту бисёр дид,
Нахоҳад ҳаме бо касе орамид.

Фурӯ бурд чанголу хун баргирифт,
Бихӯрду биёлуд рӯй, эй шигифт.

Зи хуни Сиёвуш хурӯшид зор,
Ситоиш*[2] ҳаме кард бар кирдгор.

Зи ҳафтод хуни гиромиписар
Бинолид бар довари додгар.[3]

Сарашро ҳамехост аз тан бурид
Чунон бадкуниш хештанро надид.

1. М – паҳлавонон, савори.
2. М – Ниёиш.
3. И- бар осмон кард сар.

www.sattor.com

Дурафшаш ба болин абар пой кард,
Сарашро бад-он соя бар[1] ҷой кард.

2040 Сӯи лашкари хеш бинҳод рӯй,
Чакон хун зи бозуш чун оби ҷӯй.[2]

БОЗ ОМАДАНИ ГУДАРЗ БА НАЗДИ ГАВОНИ ЭРОН

Ҳама кинаҷӯёну[3] пархошҷӯй
Зи боло ба лашкар ниҳоданд рӯй.

Або куштагон баста бар пушти зин
Бад-он сон баровард[4] оину[5] кин.

Чу бо кинаҷӯён набуд паҳлавон,
Хурӯше баромад зи пиру ҷавон.

Ки Гударз бар дасти Пирон магар
Зи пирӣ ба хун андаровард сар.

2045 Ҳаме зор бигрист лашкар ҳама
Зи нодидани паҳлавони рама.

Дурафше бидиданд[6] аз тирагард
Гурозону шодон зи дашти[7] набард.[8]

Баромад зи лашкаргаҳ овози[9] кӯс,
Ҳаме гард бар осмон дод бӯс.

---

1. Л – дар.
2. ТПЗЛ – Чу пирӯз баргашт шер аз набард,
   Дурафши дилафрӯз бар пой кард.
3. И- кинадорони.
4. ЛМ- Бар эшон бароварда.
5. И- Бар эшон сар оварда оини.
6. И –падид омад.
7. И- бигашт аз.
8. ТПЗ – Чу гударз з-он гард дидор гашт,
   Дили номдорон беозор гашт.
   *Л – мард.
9. Л- овон.

www.sattor.com

Бузургон бари паҳлавон омаданд,
Пур аз хандаву шодмон омаданд.

Чунин гуфт лашкар, к-аз ӯ паҳлавон
Магар боз гардид тираравон?

Ки Пирон яке шердил мард буд,
Ҳамасола ҷӯёи овард буд.

Сухан ёд[1] кард он замон паҳлавон,
Супурда бад-ӯ гӯш пиру ҷавон[2]

Ба ангушт бинмуд ҷои набард,
Бигуфт, он ки бо ӯ замона чи кард.

Ба Руҳҳом фармуд, то барнишаст,
Ба овардани ӯ миёнро бубаст.

Бад-ӯ гуфт, к-«Ӯро ба зин*[3] барбубанд
Фуруд ораш аз кӯҳсори баланд.

Дурафши силеҳаш чунон ҳам, ки ҳаст,
Ба банду миёнаш мабар ҳеч даст».

Бар ин гуна чун паҳлавон кард ёд,[4]
Бурун тохт Руҳҳом чун тундбод.

Кашид аз бари зин тани равшанаш*[5]
Ба хун-андарун ғарқа буд ҷавшанаш.

Чунон ҳам бубасташ ба банди каманд
Фуруд оваридаш зи кӯҳи баланд.

Дурафшаш чу аз ҷойгоҳи нишон
Бididанд гурдону гарданкашон,

---

1. Л- боз.
2. Л- Бад-он анҷуман ошкору ниҳон.
3. М- Биёвар чунон тозиён бо каманд.
4. Л- ёд кард.
   Л- Руҳҳоми озодмард.
5. М – ба хорӣ танаш.

www.sattor.com

Ҳаме хонданд офарин сар ба сар
Абар паҳлавони замин дар ба дар,

Ки «Эй номвар пушти эрониён,*[1]
Парастандаи тоҷу тахти каён.*[2]

Фидои сипаҳ кардаӣ ҷону тан
Ба пирӯзиву рӯзгори шикан».

Чунин гуфт Гударз бо меҳтарон,
Ки «Чун размй мо гашт аз ин сон гарон,

Маро дар дил омад, ки Афросиёб
Сипаҳро гузорад бад-ин рӯи об.

Сипоҳи вай осуда аз ранҷу тоб
Бимонда сипоҳам чунин аз шитоб.[3]

Бад-ин[4] ҳушманде фиристодаам,
Басе шоҳро пандҳо додаам.

Ки гар шоҳи туркон биёрад сипоҳ,
Надорем пой андар ин размгоҳ.[5]

Гумонам чунон аст, к-ӯ бо сипоҳ
Ба зудӣ биёяд бад-ин размгоҳ.[6]*[7]

Мар ин куштагонро бар ин дашти кин
Чунон ҳам бидоред бар пушти зин.[8]

1. М – Эронсипоҳ.
2. М – бахти ту бод моҳ.
3. ИЛ –б. 2005 нест.
4. ИЛ-яке.
5. Л-б. 2067 нест.
6. И-б. 2068 нест.
   ТП – Бияфрӯзад ин размгаҳро ба фар,
7. М – Ман эдун гумонам, ки шоҳи ҷаҳон
   Биёяд мар ин разми мо ногаҳон.
8. ТП- К-аз ин куштагон ҷони мо беғам аст.
   Равони Сиёвуш аз ин хуррам аст.

www.sattor.com

Куҷо[1] ҳамчунин назди шоҳ оварем,
Шавад шоду з-ин пойгоҳ оварем,[2]

Ки ошӯби туркону эрониён
Аз ин буд, куҷо гум шуд андар миён».

Ҳама яксара хонданд офарин,
Ки бе ту мабодо замону замин.

Ҳама судмандӣ зи гуфтори туст,
Хуру моҳ равшан зи дидори[3] туст.

Бирафтанд бо куштагон ҳамчунон
Гурӯи Зиреҳро пиёда кашон.[4]

Ба банди камандаш бубаста ду чанг,
Фиканда ба гардан-ш-бар полҳанг.

Чу наздики бунгоҳи лашкар шуданд,
Пазира сипаҳбадсипоҳ омаданд.

Ба пеши сипаҳ буд Густаҳми шер,
Биёмад бари паҳлавони далер.

Заминро бибӯсиду кард офарин,
«Сипоҳат беозор,-гуфто,-бубин.

Чунон чун супурдӣ, супурдем ҳам!»
Дар ин буд Гударз бо Густаҳам.[5]

Ҳам андар замон аз лаби дидабон
Ба гӯш омад аз кӯҳи Райбад фиғон,

Ки аз гард шуд дашт чун тирашаб,
Шигифте баромад фиғони[6] ҷалаб.

1. ИМ-Агар.
2. ТПМ – Чу Хусрав биёмад, надорем бок
Зи туркон ба нерӯи Яздони пок.
3. Л – ба кирдори.
4. Л- давон.
5. ИЛ-б. 2075-2079 нест.
6. ИЛМ – зи ҳар сӯ.

www.sattor.com

Хурӯшидани кӯс бо каррной,
Бичунбад ҳаме дашт гуфтӣ[1] зи ҷой.

Ҳамон тахти пирӯза бар пушти пил
Дурахшон ба кирдори дарёи Нил.

Ҳаво шуд ба сони паранди дурафш[2]
Зи тобидани сурху зарду бунафш[3]*[4].

Дурафше ба кирдори сарви саҳӣ
Падид омад аз дур бо фарраҳӣ[5].

Ба гирдаш саворони ҷавшанварон,
Замин шуд бунафш аз карон то карон.

Паси ҳар дурафше дурафше ба пой,
Чи аз аждаҳову чи пайкарҳумой.

Агар ҳамчунин тезронӣ кунанд,
Ба як рӯзи дигар бад-ин ҷо расанд[6].

ЗОРӢ КАРДАНИ ЛАҲҲОК ВА ФАРШЕДВАРД БАР ПИРОН

Зи кӯҳи Канобад ҳаме дидабон
Бидид он шигифтиву омад давон[7].

Чунин гуфт: «Гар чашми ман тира нест,
Аз андоза дидори ман хира нест.

Зи туркон баровард Яздон ҳалок,
Ҳама ранҷҳо сар ба сар гашт хок.

---

1. ИЛ- гӯӣ.
2. И- бунафш.
3. ИЛ- парниёи дурафш.
4. М – Ҳаво шуд чунон чун паранди бунафш
   Зи тобидани гуна-гуна дурафш.
5. И- ба болои.
6. ИЛ-б. 2087, 2088 нест.
7. ТПЗМ – Ба наздики Лаҳҳоку Фаршедвард
   Пур аз ғам дилу лаб пур аз боди сард.

www.sattor.com

Сипоҳ андаромад зи боло ба паст
Хурӯшону ҳар як дурафше ба даст.

Дурафши сипаҳдор Пирон нагун
Ҳаме бинаму тан-ш ғарқа ба хун.[1]

Ҳамон даҳ диловар, к-аз эдар бирафт
Або гурд Пирон ба овард тафт,

Ҳаме бинам аз дурашон сарнагун,
Фиканда бар аспону сар пур зи хун.[2]

В-аз он сӯи Райбад[3] яке тирагард
Падид омаду дашт шуд лоҷвард.[4]

Миёни сипаҳ ковиёнӣ дурафш
Ба пеш - андарун теғҳои*[5] бунафш.

Дурафши шаҳаншоҳ[6] бо бӯқу кӯс
Падид омаду шуд замин обнӯс.

Бирафтанд Лаҳҳоку Фаршедвард
Бад-он дидагаҳ-бар зи дашти набард.

Бididанд кушта ба дидори хеш
Сипаҳбад, бародар ҷаҳондори хеш.

Або даҳ савори гузида сарон,
Зи туркон далерони ҷанговарон.

Бад-он дидагаҳ зору ҷӯшон шуданд,
Зи хуни бародар хурӯшон*[7] шуданд.

1. Л – пас аз б. 2093 ин б. омада:
   Далерони мо кушта бар дашти кин,
   Ба зорӣ камон баста бар пушти зин.
2. И-б. 2095 нест;
   ТПЗ – Далерон гурезон аз Эрон ба ҳам
   Расиданд он гаҳ бари Густаҳам.
3. И-дигар.
4. И- ложвард.
5. М – сурху зарду.
6. И- ҷаҳондор.
7. М- ғиревон.

www.sattor.com

Ҳаме зор гуфтанд, к-«Эй наррашер,
Сипаҳдори туркон[1], савори далер.

Чӣ боист он родиву ростӣ,
Чу рафтан зи гетӣ чунон хостӣ?!

Кунун кори[2] душман баромад ҳама,
Ба бад бар ту гетӣ сар омад ҳама.

Кӣ ҷӯяд ҳаме дар ҷаҳон кини ту,
Кӣ гирад кунун роҳу оини ту.

Абар шаҳри Турону Афросиёб
Бад афтоду[3] гардад саросар хароб.

Бибояд буридан сари хеш паст,
Ба хун ғарқа кардан тану[4] теғу даст.

Чу андарзи Пирон ниҳоданд пеш,
Нарафтанд бар хира гуфтори хеш.

Зи Гударз чун хост Пирон набард,
Чунин гуфт бо гурд Фаршедвард,

Ки «Гар ман шавам кушта бар кинагоҳ
Шумо кас мапоед пеши сипоҳ,

Ки гар[5] ман набошам бар ин дашти кин
Шавад танг бар номдорон замин.

На аз тухмаи Виса монад касе,
Ки андар сараш мағз бошад басе,

Ки бар кинагаҳ гар шуморо кушанд,
Сари бетанонтон ба*[6] Эрон кашанд.

1. ИЛМ – сипаҳдор Пирон.
2. ИЛМ – коми.
3. Л- омад, ки.
4. ИЛ- бару.
5. Л- В-агар.
6. М- Чу сарҳои мо сӯи.

www.sattor.com

Зи Гударз хоҳад сипаҳ зинҳор,
Шумо хештанро мадоред хор.

Шумо роҳ сӯи биёбон баред,
Магар к-аз бади душманон ҷон баред».[1]

Ба лашкаргаҳи хеш рафтанд боз,
Ҳама дида пурхуну тан пургудоз.

Бидонист лашкар саросар ҳама,
Ки шуд бешубон он гурозон рама.

Ҳама сар ба сар зору гирён шуданд,
Чу бар оташи тез бирён шуданд.

Ба наздики Лаҳҳоку Фаршедвард
Бирафтанд лабҳо пур аз боди сард*[2],

Ки акнун чӣ созем аз ин размгоҳ
Чи шуд паҳлавон*[3] - пушти туронсипоҳ?

Киро дил диҳад низ бастан камар,
Зи оҳан кулаҳ барниҳодан ба сар?[4]

Чунин гуфт Лаҳҳоку Фардшедвард,
Ки аз хости Яздон[5] карона кӣ кард?

Чунин ронд бар сар варо кирдгор,
Ки бар кина кушта шавад зору хор.*[6]

Ба шамшер карда ҷудо сар зи тан,
Наёбад ҷуз аз хоки тира кафан.

---

1. И-б. 2112-2116 нест.
2. М- Бирафтанд бо дил пурозору дард.
3. М-ки аз мо бишуд.
4. Л-эзад.
5. И-б. 2120-2122 нест.
3. Л- ҷавшани худ.
6. М- Набишта чунин бар сарат рӯзгор,
Ки дар кинагаҳ кушта ояд ба зор.

www.sattor.com

Ба ҳар ҷой кушта кашон душманаш,
Пур аз хун сару ҷомаву ҷавшанаш.*[1]

Кунун буданӣ буду Пирон гузашт,
Ҳама кору*[2] кирдори ӯ бод гашт.

Сутуни сипаҳ буд, то зинда буд,
Ба меҳри сипаҳ ҷонаш оганда буд.

Сипаҳро зи душман нигаҳдор буд,
Сари номдораш бар ӯ хор буд.

Бад-он гетӣ афтод неку бадаш,
Ҳамоно накӯкор кард Эзадаш.

Пас аз рафтани хеш тимор х(в) ард.
Зи Гударз паймонситад дар набард,

Ки гар ман шавам кушта дар кинагоҳ,
Наҷӯӣ ту кина зи туронсипоҳ.

Гузаршон диҳӣ, то ба Турон шаванд,
Бар эшон насозӣ ба кина[3] газанд.

Зи паймон нагарданд эрониён,
Аз ин дар кунун нест бими зиён.

Се кор аст пеш омада ногузир,
Ҳама гӯш доред барнову пир.

Агартон ба зинҳор бояд шудан
Бар ин коратон рой бояд задан.

В-агар бозгаштан ба бунгоҳи хеш,
Супардан ба неку ба бад роҳи хеш.

В-агар ҷангро гирд карда инон
Якояк ба хун об дода синон.

1. М- бару дирьу хаста танаш.
2. М- ранҷу.
3. Л- Насозӣ бар эшон кимину.

www.sattor.com

Зи ҳар гуна ронем яксар сухун,
Ҷуз аз хости Эзад набошад ба бун.[1]

В-ар эдун, к-атон рой бошад ба ҷанг,
Бар ин размгаҳ кард бояд диранг,

Ки Пирон зи меҳтар сипаҳ хоста,[2]
Сипаҳбад яке лашкар ороста.[3]

Замон то замон лашкар ояд падид,
Ҳама*[4] кина з-эшон бибояд кашид.

В-ар эдун, к-атон рои шаҳр асту гоҳ,
Ҳамоно, ки бар мо нагиранд роҳ.

В-агартон ба зинҳори шоҳ аст рой,
Бибояд басечиду рафтан зи ҷой.

Дили ҳар касе бар танаш подшост,
В-агартон ҳаме сӯи Эрон ҳавост.

Зи мо ду бародар мадоред чашм,
Ки ҳаргиз нашӯем дилҳо зи хашм.

В-аз ин тухмаи висагон кас набуд,
Ки банди камар бар миёнаш насуд.

Ба андарзи солор Пирон равем,*[5]
Ба роҳи биёбон ба Турон шавем.

В-ар эдун, ки бар мо бигиранд роҳ,
Бикӯшем, то ҳастамон дастгоҳ».

Чу туркон шуниданд аз ин сон*[6] сухун,
Нигар, то чӣ посух фикананд бун,

1. ИЛ-б. 2139 не.
2. ИЛ-хостаст.
3. ИЛ- оростаст.
4. М- Ҳамон.
1. Л-яке доди.
5. М- шавем.
6. М-эшон.

www.sattor.com

Ки солор бо даҳ яли номдор
Бигаштанд кушта бар ин гуна хор.*[1]

В-аз он рӯй Кайхусрав омад падид,
Кӣ ёрад бар ин размгаҳ орамид?

На аспу силеҳу на пову на пар,
На ганҷу на солору на буму бар.

На нерӯи ҷангу на роҳи гурез
На*[2] бо хештан кард бояд ситез.

Агар боз гардему Гударзу шоҳ
Паси мо биронанд пилу сипоҳ,

Раҳоӣ наёбем як тан ба ҷон,
На хиргоҳ бинему на дудмон.

Зи зинҳор бар мо кунун ор нест,
Сипоҳ аст бисёру солор нест.

В-аз ин пас худ аз шоҳи Турон чӣ бок
Чи Афросиёбу чи як мушти хок?

Чаро ҳамчунин шоҳи Эрон набуд,
Ки бар лашкараш меҳрбонӣ намуд».

РОҲИ ТУРОН ГИРИФТАНИ ЛАҲҲОК ВА ФАРШЕДВАРД

Чу лашкар чунин посух оростанд,
Ду пурмоя аз ҷой бархостанд.

Бидонист Лаҳҳоку Фаршедвард,
К-ашон нест ҳангоми нангу набард.

Ҳаме рост гӯянд лашкар ҳама
Табаҳ гардад аз бешубонӣ рама.

---

1. М- Ки солорамон бо сари номдор
Фиканданду куштанду карда.
2. М-Чӣ.

www.sattor.com

Ба падруд кардан гирифтанд соз,
Биёбон гирифтанду роҳи дароз,

Дурафше гирифта ба даст-андарун
Пур аз дард дил, дидагон пур зи хун.

Бирафтанд бо номвар даҳ савор
Далерони шоистаи корзор.[1]

Ба раҳ-бар[2] саворони Эрон буданд,
Нигаҳбони роҳи далерон[3] буданд.

Барангехтанд асп туркон зи ҷой
Талоя бияфшурд бар ҷой пой.

Яке носиголидашон ҷанг хост,
Ки аз хун замин гашт чун лола рост.

Аз эрониён кушта шуд ҳашт мард,
Далерону шерони рӯзи набард.[4]

Зи туркон ҷуз он ду сарафроз гурд
Зи дасти талоя касе*[5] ҷон набурд.

В-аз он ҷо бирафтанд ҳар ду далер
Ба роҳи биёбон ба кирдори шер.

Пас аз дидагаҳ дидабон кард ғав*[6],
Ки «Эй сарфарозону гурдони нав,*[7]

Аз ин лашкари турк ду номдор
Бурун рафт бо номвар даҳ савор.

1. Л- 2164, 2165 нест.
2. И – Раҳ-дар.
3. И – раҳ номдорон.
4. Л – 2170 нест.
5. М – Яке.
6. М – бонг кард.
7. М – номдорону мардони мард.
4. М- гардан афрохта.

www.sattor.com

Чунон бо талоя баровехтанд,
Ки бо хок хун андаромехтанд.

Тане ҳашт куштанд аз эрониён,
Ду тан[1] тез рафтанд[2] баста миён.

Чу бишнид Гударз, гуфт: «Ин ду мард
На ҷуз гурд[3] Лаҳҳоку Фаршедвард.

Бирафтанд бо гарданафрохтан,
Шикаста нашудшон дил аз тохтан.

Гар эшон аз Эрон ба Турон шаванд,
Бар ин лашкар ояд ҳамоно газанд.

Кӣ ҷӯяд кунун ном наздики шоҳ,
Бипӯшад сари худ[4]*[5] ба румикулоҳ.

Шавад назди Лаҳҳоку Фаршедвард
Барорад зи ҳар ду ба шамшер гард[6]?

Ҳама монда буданд эрониён,
Шуда сусту суда зи оҳан миён.

Надоданд посух ба ҷуз Густаҳам,
Ки буд андар овард шери дижам.

Ба солор гуфт: «Эй сазовори гоҳ
Чу рафтӣ ба оварди туронсипоҳ,

Супурдӣ маро кӯсу пардасарой,
Ба пеши сипаҳ-бар бибудан ба пой.

Далерон ҳама ном ҷустанду нанг
Маро баҳра н-омад ба ҳангоми ҷанг.

1. И – Ҳаме.
2. ЛМ – Ҳамэдун бирафтанд.
3. И – набуд ҷуз зи.
4. И- сарашро зи.
5. М – ки пӯшад сарашро.
6. ИЛ-б. 2180 нест.

www.sattor.com

Кунун ман ба ин кор номоварам,
Шавамшон, якояк ба дом оварам».

Бихандид Гударзу з-ӯ шод гашт,
Рухаш тоза шуд в-аз ғам озод гашт,

Бад-ӯ гуфт: «Некахтарӣ ту зи ҳур,
Ки шериву нахчири ту наррагӯр.

Бирав, к-офаринанда ёри ту бод,
Чу Лаҳҳок сесад шикори ту бод![1]

РАФТАНИ ГУСТАҲМ АЗ ПАСИ ЛАҲҲОК ВА ФАРШЕДВАРД

Бипӯшид Густаҳм диръи набард,
Зи гурдон киро дид, падруд кард.

Бурун тохт аз лашкари хешу рафт
Ба ҷанги ду турки сарафроз тафт.

Ҳаме гуфт лашкар ҳама сар ба сар
Ки Густаҳмро з-ин бад ояд ба сар.

Яке лашкар аз назди Афросиёб
Ҳаме рафт бар сони киштӣ бар об.

Ба ёрӣ ҳаме ҷангҷӯй омаданд,
Чу наздики дашти Дағӯй омаданд,

Хабар шуд бад-эшон, ки Пирон гузашт,
Набарди далерон бад-он гуна гашт.

Ҳама бозгаштанд яксар зи роҳ
Хурӯшон бирафтанд наздики шоҳ.

1. Л- Ба пирӯзӣ- андар макун тарс ёд; И- пас аз б. 2189 ин б. омада:
Чу моро дари шодмонӣ кушод,
Ба пирӯзӣ- андар макун тарс ёд.

www.sattor.com

Хабар шуд ба Бежан, ки Густаҳм рафт[1]
Ба оварди Фаршеду Лаҳҳок тафт,[2]

Гумоне чунон бурд Бежан, ки ӯй
Чу танг андарояд ба дашти Дагӯй,

Набояд, ки[3] Лаҳҳоку Фаршедвард
Бароранд аз ӯ гард рӯзи[4] набард.

Ба назди ниё шуд чу шери дижам,
Дилаш пур зи дард аз ғами Густаҳам.[5]

Чу чашмаш ба рӯи ниё барфитод,
Хурӯшиду чанде сухан кард ёд.[6]

«На хуб ояд, эй паҳлавон аз хирад,
Ки ҳар номдоре ки фармон барад,

Мар ӯро ба хира ба куштан диҳӣ,
Баҳона ба чархи равон барниҳӣ.

Ду гурди диловар зи*[7] туронсипоҳ
Бирафтанд чун шер пӯён*[8] ба роҳ.

Зи Пирону Ҳумон диловартаранд,
Ба гавҳар бузургони он кишваранд.*[9]

Кунун Густаҳам шуд ба[10] ҷанги ду тан
Набояд, ки ояд бар ӯ-бар шикан.

---

1. Л – тафт.
2. Л – Зи лашкар ба оварди Лаҳҳок рафт.
3. ИЛ- биёянд.
4. ИЛ- Шавад Густаҳам зери хоки.
5. И-б. 2200 нест.
6. И- Нишаст аз бари дизаи* роҳҷӯй,
Ба наздики Гударз бинҳод рӯй.
* М-барои.
7. М-тан номдорони.
8. М-аз ин сон диловар.
9. М-лашкаранд.
10. И-рафт.

www.sattor.com

Ҳама коми мо бозгардад ба дард,
Чу гум гардад аз лашкар он шермард».

Чу бишнид Гударз гуфтори ӯй,
Кашиданд бад-он кор тимори ӯй,*[1]

Бас[2] андеша кард андар он як замон
Ҳамон буд, куҷо бурд[3] Бежан гумон.

Ба гурдон чунин гуфт солори шоҳ,[4]
Ки ҳар кас, ки ҷӯяд ҳаме ному ҷоҳ,[5]

Паси Густаҳам рафт бояд дамон,
Мар ӯро будан ёр аз бадгумон.

Надоданд посух кас аз анҷуман,
На ғамхора буд кас, на осудатан.

Ба Гударз пас гуфт Бежан, ки «Кас
Ба ҷуз[6] ман набошад-ш фарёдрас.

Кӣ ояд зи гурдон бад-ин кор пеш,
Ба серӣ наёмад кас аз ҷони хеш.

Маро рафт бояд, ки аз кори ӯй
Дилам пур зи дард асту пуроб рӯй».

Бад-ӯ гуфт Гударз, к-«Эй шермард,
На гарм озмуда зи гетӣ, на сард.

Набинӣ, ки моем пирӯзгар,
Бад-ин кор маштоб тунд, эй писар,

1. М-Писанд омадаш з-он яли номҷӯ.
2. ИЛ-Пас.
3. И-Ки мебурд.
4. И-он паҳлавон.
5. И- Ки эй номдорони фаррухмеҳон.
6. ИМ-ҷуз аз.

www.sattor.com

Бад-эшон бувад Густаҳам чирадаст,*[1]
Ба ханҷар бибуррад сари ҳарду паст.*[2]

Бимон, то кунун аз паси Густаҳам
Саворе фиристам чу шери дижам,

Ки бо ӯ бувад ёр гоҳи набард,
Сари душманон андарорад ба гард».

Бад-ӯ гуфт Бежан, ки «Эй паҳлавон,
Хирадманду ҳушёру равшанравон,*[3]

Кунун ёр бояд, ки зиндаст мард,
На он гаҳ, ки аз вай бароранд*[4] гард.

Чу шуд Густаҳам кушта бар корзор,
Сар омад ба ӯ рӯзу баргашт кор,

Чӣ суд, ар фиристӣ саворе бараш,
Наёбад ба ҷуз кушта дар хун сараш.[5]*[6]

Бифармой, то ман зи тимори ӯй
Бубандам камар танг дар кори ӯй.

В-ар эдун, ки гӯӣ марав, то сарам
Бибуррам бар ин обгун ханҷарам,

Ки ман зиндагонӣ пас аз марги ӯй
Нахоҳам, ки бошад, баҳона маҷӯй».

Бад-ӯ гуфт Гударз: «Биштоб пеш,
Агар нестат меҳр*[7] бар ҷони хеш.

---

1. М-чирабахт.
2. М-В-аз эшон ситонад сари тоҷу тахт,
3. М- Чунин посух овард Четан дигар.
   Ки эй паҳлавони ҷаҳон сар ба сар.
4. М- К-аш аз ҷонбароранд.
5. И-б.2224 нест.
6. М-б. 2223 нест.
7. М- нест меҳри ту.

www.sattor.com

Наёбӣ ҳаме серӣ аз корзор,
Камарбанд бупсечу сар бармахор.

Насӯзад ҳамоно дилат бар падар,
Ки ҳар дам*[1] бисӯзӣ мар ӯро ҷигар.

Барорӣ ҳаме бар сари хеш хок,
Аз ин ҷангҷустан маро худ*[2] чӣ бок?»

Чу бишнид Бежан, фурӯ бурд сар,
Заминро бибӯсиду омад ба дар.

РАФТАНИ БЕЖАН АЗ ПАСИ ГУСТАҲАМ

Камар басту барсохт[3] мар ҷангро,
Ба зин[4] андаровард шабрангро.

Ба Гев огаҳӣ шуд, ки Бежан чӣ кард,
Камар баст бар ҷанги Фаршедвард.[5]

Ҳам андар замон Гев барҷаст зуд,
Нишаст аз бари тозиаспе чу дуд,

Биёмад ба раҳ-бар, чу[6] ӯро бидид,
Ба тундӣ инонаш ба як сӯ кашид.

Бад-ӯ гуфт: «Чандон задам достон,
Нахоҳӣ ҳаме буд ҳамдостон,

Ки бошад зи ту як замон шодмон,
Куҷо рафт хоҳӣ бад-ин сон дамон?

1. М-Ҳазмон.
2. М-Бад-ин ҷангҷустан маро з-ин.
3. ИЛ-бар.
2. ИЛ-бархост.
4. И-зер.
5. ТПЗИЛ – Паси Густаҳам тозиён шуд ба роҳ
Ба ҷанги саворони туронсипоҳ.
6. Л-мар.

www.sattor.com

Ба ҳар кор дарди дили ман[1] маҷӯй,
Ба пиронсар аз ман чӣ хоҳӣ, бигӯй?

Ба гетӣ маро ҷуз ту фарзанд нест,
Равонам ба дарди ту хурсанд нест.

Будӣ даҳ[2] шабонрӯз[3] бар пушти зин,
Кашида ба бадхоҳ-бар теғи кин.

Бисудӣ[4] ба хафтону хӯд-андарун,
Нахоҳӣ ҳаме сер гаштан зи хун.

Чу некидиҳиш бахти пирӯз дод,
Бибояд нишастан ба орому шод.

Ба пеш замона чӣ бозӣ сарат,
Бас эмин шудастӣ бар ин ханҷарат.

Касе к-ӯ наҷӯяд саранҷоми хеш,
Наёбад зи гетӣ ҳаме коми хеш.

Ту чандин ба пеши[5] замона мапӯй,
Ки ӯ худ сӯи мо ниҳодаст рӯй.

Зи баҳри падар з-ин сухан бозгард,
Нашояд, ки дорӣ дили ман ба дард.

Бад-ӯ гуфт Бежан, ки «Эй пурхирад,
Ҷуз ин бар ту мардум гумоне барад.

Зи кори гузашта наёрӣ ба ёд,
Чӣ печӣ ба хира ҳаме сар зи дод.

Бидон эй падар, к-ин сухан род нест,
Магар ҷанги Лодан туро ёд нест?

1. И-диламро.
2. ЛМ-Бад-ин нӯҳ.
3. Л-Бад-ин даҳ шабу рӯз.
4. ИЛ-Бисӯзӣ.
5. ИМ-гирди.

www.sattor.com

Ки бо ман чӣ кард андар он Густаҳам,
Ғаму шодмониш бо ман ба ҳам.

В-ар эдун куҷо гардиши эзадӣ,
Фароз орад он[1] рӯзгори бадӣ.

Навишта нагардад ба парҳез боз,
Набояд кашидан суханҳо[2] дароз.

Зи пайкор сар бармагардон, ки ман
Фидо карда дорам бад-ин кор тан».

2255 Бад-ӯ гуфт Гев: «Ар нагардӣ ту боз,
Ҳамон хубтар, к-ин нишебу фароз

Ту бе ман напӯӣ ба рӯзи набард,
Манат ёр бошам ба ҳар коркард».

Бад-ӯ гуфт Бежан, ки «Ин худ мабод,
Ки аз номдорони хусравнажод

Се рад[3] аз паси бимхурда ду тур
Битозем*[4] пӯён ба ин роҳи дур.

Ба ҷону сари шоҳи равшанравон,
Ба ҷони ниё номвар паҳлавон,

2260 Ба хуни*[5] Сиёвуш, к-аз ин размгоҳ
Ту баргардиву ман бипӯям ба роҳ,

Нахоҳам бар ин кор фармон-т кард,
Ки гӯӣ маро бозгард аз набард».

Чу бишнид Гев ин сухан, бозгашт,
Бар ӯ офарин карду андаргузашт,

1. И-оварад.
2. И-кашид ин суханро.
3. ИЛМ-гурд.
4. М-Биёянд.
5. М-кини.

www.sattor.com

Ки пирӯз рафтиву шод омадӣ
Кушода дилу баста дасти бадӣ.

Ҳаме тохт Бежан паси Густаҳам,
Ки н-ояд зи Турон бар ӯ-бар ситам*[1].

Чу аз рӯд Лаҳҳоку Фаршедвард
Гузаштанд пӯён ба кирдори гард,

Ба як соате ҳафт фарсанг роҳ
Бирафтанд эмин зи эронсипоҳ.

Яке беша диданду оби равон,
Бад-ӯ-андарун соягоҳи ғавон.*[2]

Ба беша - дарун мурғу нахчиру шер,
Дарахт аз бару сабзаву об зер.

Ба нахчиркардан фуруд омаданд,
Аз он ташнагӣ сӯи рӯд омаданд.

Чу об андаромад, бибоист нон,
Ба андӯҳ шодӣ набандад даҳон.

Бигаштанд бар гирди он марғзор,
Фиканданд бисёр моя шикор.

Барафрӯхтанд оташу з-он кабоб,
Бихӯрданду карданд сар сӯи об,[3]

Шавад[4] рӯзгори далерон дижам,
Кучо чира[5] бошад бар эшон ситам.

---

1. М-Ғаму шодмониш бо ӯ ба ҳам.
2. М-Пас аз б. 2264 ин б. омада:
   Паси Густаҳам тозиён шуд ба роҳ
   Ба ҷанги саворони тӯронсипоҳ.
   М- сояи корвон.
3. И-хоб.
4. ИМ-бувад; Л-Чу шуд.
5. ИЛ-хира.

www.sattor.com

Фурӯ хуфт Лаҳҳоку Фаршедвард
Ба сар-бар ҳаме посбониш кард.

КУШТА ШУДАНИ ЛАҲҲОК ВА ФАРШЕДВАРД БА ДАСТИ ГУСТАҲАМ

Расид андар он ҷойгаҳ Густаҳам
Ки буданд гурдони Турон ба ҳам.[1]

Наванд аспи ӯ бӯи аспон шунид,
Хурӯше бароварду андардамид.[2]

Сабук аспи Лаҳҳок ҳам з-ин нишон
Хурӯше баровард чун беҳушон.[3]

Давон сӯи Лаҳҳок Фаршедвард
Шуд, ӯро зи хоби хуш огоҳ*[4] кард.

Бад-ӯ гуфт: «Бархез аз ин хоби х(в)аш,
Ба мардӣ сари бахти бадро бикаш,

Ки доно зад ин достони бузург,
Ки шере ки бигрезад аз чанги гург,

Набояд, ки гург аз пасаш даркашад,
Ки ӯро ҳамон бахти бад баркашад.

Ҳало, зуд[5] биштоб, к-омад сипоҳ
Аз Эрону бар мо гирифтанд роҳ.[6]

---

1. ТПЗИЛ -Баромад чу шаб, тира шуд моҳтоб,
Ду ғамгин сар андар ниҳода ба хоб.
2. И-Баровард чун дардамид.
3. И-б. 2277 нест.
4. М-Биёмад аз он хоб бедор.
5. И-тунд.
6. ТПЗМ- Чи моя бипӯянду андар* шитофт
Кас аз рӯз бадро раҳоӣ наёфт.

* ИЛ – чандин

www.sattor.com

Нишастанд бар асп ҳарду савор,
Кашиданд пӯён аз он марғзор.[1]

Ба ҳомун ниҳоданд ҳарду савор
Ду дида, ки то чун басечанд кор.

Падид омад аз дур пас Густаҳам,
Надиданд бо ӯ саворе ба ҳам.

Далерон чу сарҳо барафрохтанд,
Мар ӯро бидиданду бишнохтанд.

Гирифтанд бо якдигар гуфтугӯй,
Ки як тан сӯи мо ниҳодаст рӯй.

Ҷуз аз Густаҳам нест, к-омад ба ҷанг,
Дурафши далерон гирифта ба чанг.

Гурезон набояд шуд аз пеши ӯй,
Магар к-андарорад бар ин дашт рӯй.

Наёбад раҳоӣ зи мо Густаҳам,
Магар бахти бад кард хоҳад ситам.

Аз он ҷо ба ҳомун ниҳоданд рӯй,
Пас андар дамон Густаҳам кинаҷӯй.

Биёмад, чу наздики эшон расид,
Чу шери жиён наърае баркашид.

Бар эшон биборид тири хаданг,
Чу Фаршедвард андаромад ба ҷанг.

Яке теғ зад бар сараш Густаҳам,
Ки бо хун баромехт мағзаш ба ҳам.

Нагун шуд, ҳам андар замон ҷон бидод,
Шуд он номвар гурди висанажод.

1. ТПЗИЛ- Зи беша ба ҳомун ниҳоданд рӯй
Ду гурди диловар, ду пархошҷӯй.

www.sattor.com

Чу Лаҳҳок рӯи бародар бидид,
Бидонист, к-аз корзор орамид.

Биларзид в-аз дарди ӯ хира шуд,
Ҷаҳон пеши чашм-андараш тира шуд.

Зи равшанравонаш*[1] ба серӣ расид,
Камонро ба зеҳ карду андаркашид.

Бияндохт тире сӯи Густаҳам,
Ҳаме аз ду дида биборид нам.

Дарандохт ону бияндохт ин,
Наяфтод тири яке бар замин.[2]

Шуданд он замон хаста ҳар ду савор,
Ба шамшер карданд пас корзор.

Якояк бар ӯ Густаҳам даст ёфт,
Инонро бупечиду[3] андаршитофт.

Ба гардан-ш-бар зад яке теғи тез,
Баровард ногоҳ аз ӯ растахез.

Сараш зери пой андаромад чу гӯй,
Сар омад ҳама разму пайкори ӯй.*[4]

Чунин аст кирдори гардонсипеҳр,
Бибуррад зи парвардаи хеш меҳр.

Чу ҷӯӣ сараш, пой ёбӣ нахуст
В-агар пой ҷӯӣ, сараш пеши туст.[5]

Ба зин-бар чунон хаста буд Густаҳам,
Ту гуфтӣ, ки бугсист хоҳад[6] зи ҳам.

1. М-Дардаш равонаш.
2. И-б 2299 нест.
3. ИЛ-Зи кина чунон хаста.
4. М-Ки ояд ҳаме захми чавгон бад-ӯй.
5. Л-б 2304-2306 нест.
6. И-Ки бугзашт хоҳад ту гуфтӣ.

www.sattor.com

Биёмад ҳамида ба зин-андарун,
Ҳаме ронд аспу ҳаме рехт хун.

Ба наздикии чашмасоре[1] расид,
Ҳам оби равон диду[2] ҳам соя дид.

Фуруд омаду аспро бар дарахт
Бубасту ба об андаромад зи бахт.

Бихӯрд оби бисёру кард офарин,
Бубасташ ту гуфтӣ якояк замин.

Бупечиду ғалтид бар тирахок[3]
Саросар ҳама тан ба шамшер чок.

Ҳаме гуфт, к-«Эй кирдгори ҷаҳон,
Барангез аз он лашкару дудмон.

Ба дилсӯзагӣ Бежани Гевро
В-агарна диловар яке невро,

Ки то*[4] зинда ё мурда з-ин ҷойгоҳ
Кашад мар маро сӯи Эронсипоҳ.

Бад-он то бидонад, ки ман ҷуз ба ном
Намурдам ба гетӣ, ҳамин аст ком».

Ҳама шаб бинолид то рӯзи пок
Аз он[5] дард чун мор печон[6] ба хок.

ДИДАНИ БЕЖАН ГУСТАҲАМРО БА МАРҒЗОР

Чу гетӣ зи хуршед шуд равшано,
Расид андар он*[7] ҷойгаҳ[8] Бежано.

1. ИМ- В-аз он ҷо кӯҳсоре.
2. И-оби равонему.
3. Ил-гармхок.
4. М-гар.
5. Л-Бад-он; И-Буд аз.
6. И-Ғалтон.
7. М-Биёмад бад-он.
8. И-Биёмад бар он соя-бар.

www.sattor.com

Ҳаме гашт бар гирди он марғзор,
Ки ёбад нишоне зи гумкарда[1] ёр.

Падид омад аз дур аспи саманд
Бад-он марғзор-андарун чун наванд.

Чамону чарон чун палангон ба ком
Нагун карда*[2] зину гусиста лагом.

Ҳаме дид зинаш*[3] бар ӯ-бар нагун,
Рикебу камандаш ҳама пур зи хун.

Чу Бежан бидид он, аз ӯ рафт ҳуш
Баровард чун шери ғуррон[4] хурӯш.

Ҳаме гуфт*[5], к-«Эй меҳрубон некёр,
Куҷойӣ фиканда бар ин марғзор?!

Ки пуштам шикастиву хастӣ дилам,
Кунун ҷони ширин зи тан бугсилам.[6]

Чӣ гӯям, куҷо ҷӯям акнун туро,
Ки бозӣ намудаст гардун туро?[7]

Бишуд бар паи асп то чашмасор,
Мар ӯро бидид андар он марғзор.[8]

Ҳама ҷавшану тарг бар хоку хун
Фитода бад-он хастагӣ сарнагун.

Фурӯ ҷаст Бежан зи шабранг зуд
Гирифташ ба оғӯш-бар тан-ш зуд.

1. ИЛ-гумбуда.
2. М-гашта.
3. М-Ҳама олати зин.
4. И-шарза.
5. М-Чунон гуфт.
6. Л-б. 2325 нест.
7. И-б. 2326 нест.
8. Л- Чу наздики он соя андаррасид,
Бад-он сон фитода мар ӯро бидид.

www.sattor.com

Бурун кард румиқабо аз бараш,
Бараҳна шуд[1] аз тарг хаста сараш.

Танашро нигаҳ карду он хастагӣ
Табаҳ дид хаста зи нобастагӣ.

Равон ҳамчу рӯд аз танаш оби*[2] зард,
Равон пур зи тимору дил*[3] пур зи дард.

Бар он хастагиҳош бинҳод рӯй
Ҳаме буд зорикунон пеши ӯй.

Ҳаме гуфт, к-«Эй некдил ёри ман,
Ту рафтиву бад гашт пайкори[4] ман.

Пижӯҳиш маро пеш боист кард,
Расидан ба ҷое ки будат набард.

Магар будаме гоҳи сахтит ёр,
Ки бо аҳриман сохтӣ корзор.

Кунун ком душман ҳама рост кард,
Бар оварди худ,[5] ҳарчи худ хост, кард».

Бигуфт ин сухан Бежану Густаҳам
Бичунбиду барзад яке тез дам.

Ба Бежан чунин гуфт, к-«Эй некхоҳ,
Макун хештан назди[6] ман-дар[7] табоҳ.

Маро дарди ту бадтар аз марги ман,[8]
Бинеҳ бар сари хаста-бар тарги ман[9]

1. Л-буд.
2. М- Зи бас хун давидан танаш буд.
3. М-Дилаш пур зи тимору тан.
4. М-Набуд дар ҷаҳон ҷуз ғамхори ман.
5. ИЛ-Баровард сар.
6. И-пеши.
7. Л-ман-бар.
8. М-хеш.
9. М-хеш.

www.sattor.com

Яке[1] чора кун, то аз ин ҷойгоҳ
Тавонӣ маро бурд[2] наздики[3] шоҳ.

Маро бод чандон ҳаме рӯзгор,
Ки бинам яке чеҳраи шаҳрёр.

В-аз он пас чу марг оядам, бок нест,
Ки моро[4] ниҳолӣ ба ҷуз хок нест.

Намурдаст ҳар кас, ки бо коми хеш
Бимирад, биёбад саранҷоми хеш.

Ва дигар ду бадхоҳ бо тарсу[5] бок,
Ки бар дасти ман кард Яздон ҳалок,

Магаршон ба зин бартавонӣ кашид,
В- агарна сароншон зи танҳо бурид.

Силеҳу[6] сари номбардорашон
Бубар, то бидонанд пайкорашон.

Кунӣ назди шоҳи ҷаҳондор ёд,
Ки ман сар ба хира надонам ба бод.

Бисудам ба ҳар ҷой бо бахт чанг,
Ки ман ном ҷустам ба мардиву нанг.

Ба Бежан намуд он гаҳе к-он ду тур
Куҷоанд кушта фиканда зи дур.

Бигуфт ину сустӣ гирифташ равон,
Ҳаме буд Бежан ба сар-бар навон.

В-аз он ҷойгаҳ аспи ӯ бедиранг
Биёварду букшод аз ӯ банд танг.

1. И-Чунон.
2. И-Расонид.
3. М-тавонӣ расониданам назди.
4. М-маро худ.
5. Л-бетарсу.
6. Л-Силоҳу.

www.sattor.com

Намадзин ба зери тани хастамард
Бияфканду нолид чандин зи[1] дард.

Ҳама домани қурта бидрид чок,
Бар он*[2] хастагиҳош барбаст пок.

В-аз он ҷойгаҳ сӯи боло давон
Биёмад зи ғам тира карда*[3] равон.

Саворони туркон пароканда дид,
Ки омад зи роҳи биёбон падид.

Зи боло чу барқ андаромад нишеб,*[4]
Дил аз мурдани Густаҳам пурниҳеб.

Аз он бимхӯрда саворони тур
Ду тан тозиён дид ногаҳ зи дур.*[5]

Зи фитрок букшод печон[6] каманд,
Зи туркон якеро ба гардан фиканд.

Зи асп андароварду зинҳор дод,
Бад-он кор бо хештан ёр дод.

В-аз он ҷо биёмад ба кирдори гард
Равон[7] сӯи Лаҳҳоку Фаршедвард,

Бидид он сарони сипаҳро нагун,
Фиканда бар он хок ғарқа ба хун.

Ба саршон-бар аспони ҷангӣ чарон,
Чорогоҳ созида пеши сарон.

---

1. ИЛ-ба.
2. М-ҳама.
3. М-гашта.
4. М-Ба боло давон андаромад ба шеб.
5. М- В-аз он бимдида саворам ду-тан,
Ба шамшер гум кард аз он анҷуман.
6. И-аз он пас.
7. И-давон.

www.sattor.com

Чу Бежан чунон дид, кард офарин
Абар Густаҳам, к-ӯ сар овард кин

Бифармуд, то турки зинҳорхоҳ
Ба зин баркашад он сарони сипоҳ.[1]

В-аз он ҷо сӯи Густаҳам тозиён
Биёмад ба сони паланги жиён.[2]

Фуруд омад аз аспу ӯро чу бод
Беозору нарм аз бари зин ниҳод.

Бад-он турк фармуд, то барнишаст,
Ба оғӯши ӯ андаровард даст,

Саманди навидаш ҳаме ронд нарм,
Бар ӯ-бар ҳаме офарин хонд гарм.

Ҳаме ронд Бежан пур аз дарду ғам,
Равонаш пур аз андӯҳи Густаҳам.[3]

Магар зинда ӯро бари шаҳрёр
Тавонад расонид аз ин корзор.[4*5]

ДАХМА КАРДАНИ КАЙХУСРАВ БАР ПИРОН ВА САРОНИ ТУРОН ВА КУШТАН ГУРӮИ ЗИРЕҲРО

Чу аз рӯз нӯҳ соат андаргузашт,
Хур аз гунбади чархи гардон бигашт,

Ҷаҳондор Хусрав ба назди сипоҳ
Биёмад бар он дашт бо фарру ҷоҳ.

---

1. И-б. 2365 нест;
   ТПЗИЛМ- Бубастандашон даст бо по чунон
   Кашиданд бар пушти зини каён.
2. И-дамон.
3. И-б 2370 нест.
4. 2369-2771 нест.
   * Л-дасту пову миён. И-пушту пову миён.
5. М-Магар будаме гоҳи сахтит ёр
   Аз б. 2337 то 2372 такрор омада.

www.sattor.com

Пазира шудандаш пиёда сарон,
Ҳама номдорону ҷанговарон.

Бар ӯ хонданд офарин бихрадон,
Ки эй шаҳрёру сари мӯбадон,

Ба тан зиндапилу[1] ба ҷон Ҷабраил,
Ба каф[2] абри баҳман, ба дил рӯди Нил,

Чунон ҳам ҳаме буд бар асп шоҳ,
Бад-он то бубинанд рӯяш сипоҳ.

Бар эшон ҳаме хонд*[3] шоҳ офарин,
Ки обод бодо ба гурдон замин.

Ба оин паси пушти лашкари чу кӯҳ
Ҳаме рафт*[4] Гударз худ бо гурӯҳ.

Ҳамон даҳ мубориз, ки дар размгоҳ
Бароварда буданд гард аз сипоҳ.

Сари куштагонро фиканда нагун,
Силеҳу тану ҷомаҳо пур зи хун.

Паси лашкар-андар ҳаме ронданд,
Абар[5] шаҳрёр офарин хонданд.

Чу Гударз наздики Хусрав расид,
Пиёда шуд аз дур, к-ӯро бидид.

Ситоишкунон паҳлавони сипоҳ
Биёмад, биғалтид дар пеши[6] шоҳ.

Ҳамон[7] куштагонро ба Хусрав намуд,
Бигуфт он ки ҳамразми ҳар кас, ки буд.

1. И-жандапилу.
2. И-даст.
3. М-кард.
4. М-чунин рафт.
5. Л-бар он.
6. Л-ба наздикии тахти.
7. Л-ҳаме.

www.sattor.com

Гурӯи Зиреҳро биёвард Гев
Давон то сипаҳдори Эрон[1] нев.

Чу Хусрав Гурӯи Зиреҳро бидид,
Яке боди сард аз ҷигар баркашид.[2]

Зи асп андаромад сабук шаҳрёр,
Ҳаме офарин хонд бар кирдгор.

Зи Яздон сипосу бад-ӯям панoҳ,
Ки ӯ дод пирӯзиву дастгоҳ.

Ситоиш*[3] ҳаме кард бар пой шоҳ
Зи сар баргирифт он каёникулоҳ.

Зи додор бар паҳлавон офарин
Ҳаме хонду бар лашкараш ҳамчунин,

Ки «Эй номдорони фархундапай,
Шумо отошу душманон пок[4] най.

Сипаҳдор Гударз бо дудмон,
Ки бошанд бар сони отош дамон.

Ҳама ҷону танҳо фидо кардаанд,
Дам аз шаҳри Турон[5] баровардаанд.

Кунун ганҷи[6] шоҳӣ маро бо шумост,
Надорам дареғ аз шумо дасти рост.

В-аз он пас бар он куштагон бингарид,
Чу рӯи сипаҳдори Турон бидид.

Фурӯ рехт об аз ду дида ба дард,
Ки кирдори некаш ҳама[7] ёд кард.

1. ИЛ-бо сипаҳдор Пирони.
2. –б. 2382 нест.
3. М-Ниёиш.
4. И-ҳамчу.
5. И-туркон.
6. ИЛ-ганҷу.
7. Л-некӣ ҳаме.

www.sattor.com

Ба Пирон бар он сон дилашро*[1] бисӯхт,
Ки гуфтӣ яке оташе барфурӯхт.

Яке достон зад пас аз марги ӯй,
Ба хуни ду дида биёлуда рӯй,

Ки бахти бад аст аждаҳои дижам
Ба дом оварад шери шарза ба дам.

Ба мардӣ наёбад касе з-ӯ раҳо,
Чунин омад ин тезчанг аждаҳо,

Кашидӣ ҳамасола тимори ман,
Миён баста будӣ ба ҳар кори ман.

Зи хуни Сиёвуш пур аз дард буд,
Бад-он кор кас з-ӯ[2] наёзурда буд.

Чунон меҳрбон буду дижхим гашт,
В-аз ӯ[3] шаҳри Эрон пур аз бим гашт.

Мар ӯро бибурд аҳриман дил зи ҷой,
Дигаргуна пеш андаровард рой*[4]

Фаровон ҳаме додамаш низ*[5] панд,
Наёмад-ш гуфтори ман судманд.

Аз Афросиёбаш набаргашт сар,
Кунун шаҳрёраш чунин дод бар[6].

Мукофоти ӯ мо ҷуз ин хостем,
Ҳаме[7] тахту[8] дайҳимаш оростем.

1. М-дили шоҳ он сон.
2. И-Зи Эрон касеро.
3. Л-он.
4. М-пой.
5. М-хира додам.
6. И-б. 2406-2407 нест.
7. Л-сари.
8. ИМ-гоҳу.

www.sattor.com

Аз андешаи мо сухан даргузашт,
Фалак бар сараш-бар дигаргуна гашт.

Ба дил-бар ҷафо гашт*[1] бар ҷои меҳр
Бад-он сар дигаргуна бинмуд чеҳр.

Биёмад ба ҷанги шумо бо сипоҳ,
Ки чандон аз эрониён шуд табоҳ.

Ҳаме панди Гударзу фармони ман
Бияфканд гуфтори гурдони ман.

Табаҳ кард меҳри дили покро,
Ба заҳр андаромехт тарёкро.

Зи Турон басечида омад дамон,
Ба жӯпини Гударз будаш замон.*[2]

Писар бо бародар кулоҳу камар,
Силеҳу сипоҳу дару буму бар

Бидод аз паи кини Афросиёб
Замона бад-ӯ кард чандин шитоб.

Бифармуд пас мушку кофури ноб
Ба анбар баромехта бо гулоб.

Танашро биёлуд аз он сар ба сар
Ба кофуру мушкаш[3] биёганда бар.

Ба дебои румӣ тани поки ӯй
Бипӯшиду он кӯҳ шуд хоки ӯй.

Яке дахма фармуд Хусрав ба меҳр,
Баровард он кӯҳ то ба гардонсипеҳр.

1. М-кард.
2. М-Ба кин пеши Гударзи равшанравон.
3. ИЛ-кофури мушкин.

www.sattor.com

Ниҳода дар ӯ тахтҳои сарон*[1]
Чунон чун бувад дархури меҳтарон.

Ниҳоданд мар паҳлавонро ба гоҳ
Камар бар миёну ба сар-бар кулоҳ.

Чунин аст кирдори ин пурфиреб,
Чи моя*[2] фароз асту чандин нишеб.

Хирадмандро дил зи кирдори ӯй
Бимонад ҳаме*[3] хира дар кори ӯй.

В-аз он пас Гурӯи Зиреҳро бидид,
Бар ӯ кард нафрину[4] нафрин сазид.[5]

Нигаҳ кард Хусрав бар он зиштрӯй,
Чу девон ба сар-бар фурӯ ҳишта мӯй.

Ҳамегуфт, к-«Эй кирдгори ҷаҳон,
Ту донӣ ҳаме ошкору ниҳон.

Ҳамоно ки Ковус бад карда буд,
Ҷаҳонофаринро биёзурда буд,

Ки деве чунин бар Сиёвуш гумошт,
Надонам чӣ з-он бегунаҳ кина дошт.

Валекин ба нерӯи кайҳонхудой[6]
Ҷаҳондори некидеҳи раҳнамой,

Ки кини Сиёвуш зи Афросиёб
Бихоҳам, бар ин кина гирам[7]*[8] шитоб.

1. М-андар он тахтаҳои гарон.
2. М-чунин.
3. М-замоне.
4. Л-нафрин, ки.
5. ИМ-Яке боди сард аз ҷигар баркашид.
6. Л-гетихудой.
7. Л-кор кардан.
8. М-бад-ин кина андар.

www.sattor.com

Гурӯи Зиреҳро гиреҳ то гиреҳ,
Бифармуд, то баркашиданд зеҳ.

Чу бандаш саросар ҷудо шуд зи банд,
Сарашро буриданд чун гӯсфанд.

Бифармуд аз он пас фикандан ба об,
Бигуфто: «Чунин*[1] бояд Афросиёб!»[2]

ЗИНҲОР ХОСТАНИ ТУРОНИЁН АЗ КАЙХУСРАВ

Бибуд шоҳ чанде бар он размгоҳ,
Бад-он то кунад соз[3] кори сипоҳ.

Диҳад подшоҳӣ, киро дарх(в)ар аст,
Касе к-аз дари хилъату афсар аст[4].

Ба Гударз дод он замон Исфаҳон,
Кулоҳи бузургиву тахти меҳон.

Бузургон, ки буданд бо ӯ ба ҷанг,
Чи аз кӯшиши кину он ному нанг[5].

Ба андоза андархури корашон
Биёрост хилъат сазоворашон.

Аз онон, ки буданд монда ба ҷой,
Ки Пирон бар эшон ба сар буд ба пой.[6]*[7]

Фиристода омад ба наздики шоҳ
Хирадманд гурде[8] зи туронсипоҳ,

---

1. М-бинам.
2. Л-б.2432 нест; И-б. 2434 нест;
   ТПЗ- Чунин аст кирдори ин кӯзпушт,
   Бипарварду парвардаи хеш кушт.
3. Л-рост.
4. Л-б. 2436 нест.
5. ИЛМ-б. 2438 нест.
6. И-б. 2440 нест.
7. М-пиронашон худ сару кадхудой.
8. И-марде.

www.sattor.com

Ки «Мо шоҳро бандаву чокарем,
Замин ҷуз ба фармони ӯ наспарем.

Кас аз хости Яздон наёбад раҳо,
Агарчи бувад[1] дар дами аждаҳо.

Сипаҳбад шиносад, ки мо худ кием,
Миён танг баста зи баҳри чием.

Набудмон ба кори Сиёвуш гуноҳ,
Бибурд Аҳриман шоҳро дил зи роҳ.

Яке бодсор аст нопокрой,
На шарм аз бузургон, на тарс аз Худой.

Аз он рӯз то ин замон хастаем,
Зи дарди дил аз дида рух шустаем.

Ба Турон ҳама дудмон пурғам аст,
Зану кӯдаки хурдро мотам аст.

На бар орзу?[2] размхоҳ омадаем,
На*[3] баҳри бару буму гоҳ омадем.

Аз ин кор моро бад омад ба сар,
Падар беписар шуд, писар бепадар.

Ба ҷон гар диҳимон ҳаме зинҳор,
Бубандем пешат камар*[4] бандавор.

Ҳама[5] худ ба коми наҳанг-андарем[6],
Ки бо лашкари ту ба ҷанг-андарем[7],

1. ИЛ-шавад.
2. Л-подшоҳ.
3. М-кинахоҳ.
2. М-зи.
4. М- миён.
5. И-Ки мо.
6. И-омадем.
7. И-Або лашкарат тезчанг омадем.

www.sattor.com

Бад-ин лашкар-андар басе меҳтаранд,
Куҷо бандагий шоҳро дарх(в)аранд.

Гунаҳкор моему ӯ подшост,
Аз ӯ ҳарчи ояд ба мо-бар, равост.

Сарон сар ба сар пеши ӯ оварем*[1]
На бо кину бо гуфтугӯ оварем.*[2]

Гар аз мо ба дил-ш-андарун кин бувад,
Буридан сари душман оин бувад.

В-ар эдун,[3] ки бахшоиш орад, равост,
Ҳамон кард бояд, ки шаҳро[4] ҳавост.

Чу бишнид гуфтори эшон ба дард,
Бубахшудашон шоҳи озодмард.

Бифармуд, то пеши ӯ омаданд,
Бад-он орзу чораҷӯй омаданд.

Ҳама барниҳоданд сар бар замин,
Пур аз хун дилу дида пур оби кин.

Сипаҳбад сӯи осмон кард сар,
Ки «Эй додгар довари чорагар,

Ҳамон лашкар аст ин, ки сар пур зи кин
Ҳаме хок ҷустанд аз Эронзамин,

Ки заҳри газоянда бипроканад,
Сари саркашон андар он афканад.

Чунин кардашон ин замон[5] додгар,
На рою на дониш, на пову на сар.

1. М-шоҳ оварем.
2. М-Ҳама пӯзиш-андар гунoҳ оварем.
3. И-В-ар эдун; Л-Гар эдун.
4. И-ӯро.
5. ИМ-эзади.

www.sattor.com

Бад-ӯ даст ёзам, ки ӯ ёр бас,
Зи гетӣ нахоҳам ба фарёд кас[1].

Бар ин достон зад яке нек[2] рой,
Ки аз кин ба зин андаровард пой,

Ки ин бора рахшанда тахти ман аст,
Кунун кори бедорбахти ман аст.

Бар ин кин агар тахту тоҷ оварем,*[3]
В-агар расми тобути соҷ оварем.*[4]

В-агарна ба чанги паланг-андарам,
Хури каргасон аст мағзи сарам.

Кунун бар шумо гашт кирдори бад,
Шиносад ҳар он кас, ки дорад хирад.

Наям ман ба хуни шумо шуста чанг,
Нагирам чунин кори душвор*[5] танг.

Ҳама яксара дар паноҳи манед,
Агарчанд бадхоҳи гоҳи манед.

Ҳар он кас, ки хоҳад, ки бошад равост,
Дар ин кор н-афзоиш ояд, на кост.

Ҳар он кас, ки хоҳад, ки зӣ шоҳи хеш
Гузорад, нагирам бар ӯ роҳ пеш.

Зи бешиву каммиву аз ранҷу оз
Ба нерӯи Яздон шудам бениёз.

Чу туркон шуниданд гуфтори шоҳ,
Зи сар баргирифтанд яксар кулоҳ.

1. Л-Ҷуз ӯро нахоҳем фарёдрас.
2. И-мард.
3. М-оварам.
4. М-оварам.
5. М –душхор.

www.sattor.com

Ба пирӯзии шоҳ ҳасту[1] шуданд,
Палангони ҷангӣ чу оҳу шуданд.

Бифармуд шоҳи ҷаҳон, то силеҳ
Биёранд теғу синону римеҳ.[2]

Зи баргустувону зи румикулоҳ
Яке тӯда карданд то чарху моҳ.

2480 Ба гирд- андараш сурху зарду бунафш
Заданд он сарафроз туркон дурафш.

Бихӯрданд савгандҳои гарон,
Ки то зиндаем аз карон то карон,

Ҳама шоҳро чокару бандаем,
Ҳама дил ба меҳри вай огандаем.

Бубахшид яксар гуноҳи сипоҳ,
Чу ин карда буданд, бедоршоҳ

Зи ҳамшон аз он пас пароканда кард,
Ҳама бум аз он мардум оганда кард.

БОЗОМАДАНИ БЕЖАН БО ГУСТАҲАМ

2485 В-аз он пас хурӯш омад аз дидагоҳ,
Ки гарди саворон баромад зи роҳ.

Се аспу се кушта бар ӯ баста зор
Ҳаме бинам аз дур бо як савор.

Ҳама номдорони Эронсипоҳ
Ниҳоданд чашм аз шигифтӣ ба роҳ,

Ки то кист ин мард аз Эронзамин,
Ки ёрад гузаштан бар ин дашти кин?

1. Л- Хушну.
2. ИЛ-б. 2478 нест.

www.sattor.com

Ҳам андар замон Бежан омад дамон
Ба зеҳ-бар ба бозу фиканда камон.

Бар аспон чу Лаҳҳоку Фаршедвард
Фиканда нагунсор пурхуну гард.

Бар аспи дигар буд пур аз дарду ғам,
Ба оғӯши турк-андарун Густаҳам.

Чу Бежан ба наздики Хусрав расид,
Сару тоҷу тахти баландаш бидид,

Бибӯсиду бар хок бинҳод рӯй,
Шуда шод Хусрав ба дидори ӯй.

Бипурсиду гуфташ, ки «Эй шермард,
Куҷо рафта будӣ ба дашти набард?»[1]

Зи Густаҳм Бежан сухан ёд кард,
Зи Лаҳҳоку аз гурд Фаршедвард.

В-аз он зориву хастагӣ Густаҳам
Зи ҷанги саворон ҳама бешу кам.

Кунун орзу Густаҳамро якест,*[2]
Ки он кор бар шоҳ душвор нест.[3]

Ба дидори шоҳ омадасташ ҳаво
В-агар ҷон аз он пас гузорад*[4] раво.[5]

Бифармуд пас шоҳи озармҷӯй,
Ки оранд Густаҳмро назди ӯй[6].

1. Л-б. 2494 нест.
2. М-душхор.
3. Л-б. 2497 нест.
4. М-В-аз он пас ба мурдан-ш дорад.
5. ТПЗМ - Чунон тангдил шуд аз ӯ шаҳрёр,
Ки аз гиря мижгонаш омад ба бор.
6. И-Магар Густаҳамро барад назди ӯй.

www.sattor.com

Чунон буд зи бас хастагӣ Густаҳам,
Ки гуфтӣ ҳаме барнаёяд-ш дам.

Диловар чу[1] бӯи*[2] шаҳаншоҳ ёфт,
Бупечиду дида сӯи ӯ[3] битофт.[4]

Биборид аз дидагон оби меҳр,
Сипаҳбад пур аз обу хун кард чеҳр.

Бузургон, ки буданд, гирён шуданд,
Чу бар оташи тез бирён шуданд.

Дареғ омад ӯро сипаҳбад ба марг,
Ки сандони кин буд сараш зери тарг.

Зи Ҳушангу Таҳмурасу Ҷаммшед
Яке мӯҳра буд хастагонро умед.

Расида ба мерос наздики шоҳ,
Ба бозуш будӣ ҳама солу моҳ.

Чу меҳри дилаш Густаҳамро бихост,
Кушод он гаронмоя аз дасти рост.

Абар бозуи Густаҳам - бар бубаст
Бимолид бар хастагиҳош даст.

Пизишкон, ки*[5] аз Ҳинду аз Руму Чин,
Чи аз шаҳри Турон, чи Эронзамин.

Ҳамашон ба гирди ҷаҳон баргумошт,
Зи баҳри чунин рӯзҳошон[6] бидошт,

1. ИЛ- Дилаш.
2. М-Яке бӯи меҳри.
3. И- Сӯи вай.
4. ИЛ-шитофт.
5. М-чи.
6. ИМ – рӯзгорон.

www.sattor.com

Ба болини Густаҳмашон барнишонд,
Зи ҳар гуна афсун бар ӯ –бар бихонд.

В-аз он ҷо биёмад ба ҷои намоз,
Басе бо[1] ҷаҳонофарин гуфт[2] роз.

Ду ҳафта баромад бар он хастамард,
Бипайвасту бархост аз ранҷу дард.

Бар аспаш бибурданд наздики шоҳ,
Чу шоҳи ҷаҳон кард дар вай нигоҳ.

Ба эрониён гуфт, к-«Аз кирдгор
Бувад ҳар касе шоду беҳрӯзгор[3].

Ба пирӯзӣ андар ғами Густаҳам
Накард ин дили шодмонро дижам.

Ҳама меҳри парвардгор асту бас,
На аз дониши марду аз меҳри кас.[4]

Бихонд он замон Бежани Гевро,
Бад-ӯ дод дасти гави невро,

Ки ту некбахтӣ зи Яздон шинос,
Мадор аз тани хеш ҳаргиз сипос,*[5]

Ки ӯяст ҷовиду фарёдрас,
Ба сахтӣ нагирад ҷуз ӯ даст кас.

Агар зинда гардад тани мурдамард,
Ҷаҳондор Густаҳмро зинда кард.

1. И-Ба пеши.
2. И-кард.
3. ТПЗМ – Валекин шигифтист ин кори ман,
Бар ин ростӣ ронд паргори ман.
4. ИЛ-2517 нест.
5. М-Ҳарос.

www.sattor.com

Ба Густаҳм гуфташ, ки «Зинҳордор[1]
Надидам чу Бежан бад-ин рӯзгор.*[2]

Гар ӯ ранҷ бар хеш нагзинадӣ,
Ситоиш бар ин гуна кай бинадӣ[3].

Ба Райбад бибуд шоҳ як ҳафта низ
Дирам доду динору ҳар гуна чиз.

Фиристод ҳар сӯ фиристодагон,
Ба назди бузургону озадагон.[4]

Ки зӣ даргаҳ оянд бо сози ҷанг,
Ки дорем оҳанг зӣ шоҳи Ганг.[5]*[6]

Чу аз ҷанги Пирон шудӣ бениёз
Яке разми Кайхусрав акнун бисоз.

Пас аз кина-андар суханҳои нағз
Биёрой акнун ба покиза мағз,

Ки чун хост кина зи Афросиёб
Ба ранҷи фаровон шаҳи зӯрёб[7].

---

1. И-тимордор.
2. М- Пас он гаҳ бад-ӯ гуфт: «Тимордор
   Чу Бежан набинад кас аз рӯзгор.
3. И-б.2523 нест.
4. И-фарзонагон:
   ТПМ – Ки оянд ҳар сӯ ба наздики шоҳ
   Бад-ин пушти ӯ андар он размгоҳ.
5. И-б. 2526 нест.
6. М- Ки доранд оҳанги разми паланг.
7. И-б. 2528, 2529 нест.

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ КАЙХУСРАВ

ҶАНГИ БУЗУРГИ КАЙХУСРАВ БО АФРОСИЁБ АНДАР СИТОИШИ СУЛТОН МАҲМУД

Зи Яздон бар он шоҳ бод офарин,
Ки нозад бар ӯ тахту тоҷу нигин.

Худованди тоҷу худованди ганҷ,
Худованди шамшеру хафтону ранҷ,

Ки ганҷаш зи бахшиш бинолад ҳаме,
Бузургӣ зи номаш биболад ҳаме.

Зи дарё ба дарё сипоҳи вай аст,
Ҷаҳон зери фарри кулоҳи вай аст.

Ба гетӣ ба кон-андарун зар намонд,
Ки маншури бахшиш варо барнахонд.

Зи душман ситонад, расонад ба дӯст,
Худованди пирӯзгар ёри ӯст.

Ба базм-андарун ганҷ бипроганад,
Чу разм оядаш, шеру фил афканад.

Чу ӯ марз гирад, ба шамшери тез
Барангезад андар ҷаҳон растахез.

Аз он теғзан дасти гавҳарфишон
Зи гетӣ наҷӯяд ҳаме ҷуз нишон,

Ки дар базм дарёш хонад сипеҳр,
Ва разм-андарун шери хуршедчеҳр.

Гувоҳӣ диҳад дар ҷаҳон хоку об,
Ҳамон бар фалак чашмаи офтоб,

www.sattor.com

Ки чун ӯ набудаст[1] шоҳе ба ҷанг,
На дар бахшишу кӯшишу ному нанг.

Агар меҳр бо кин наёмезадӣ,
Ситора зи захмаш фурӯ резадӣ.

Танаш зӯрманд асту чандин сипоҳ,
Ки андар миён бодро нест роҳ.

Паси лашкараш ҳафтсад жандапил,
Худои ҷаҳон ёвару Ҷабраил.

Ҳаме бож хоҳад зи ҳар меҳтаре,
Зи ҳар номдореву ҳар кишваре.*[2]

Агар бож надҳанд, кишвар диҳанд,
Ҳамон ганҷу ҳам тахту афсар диҳанд.

Кӣ ёрад гузаштан зи паймони ӯй,
Дигар саркашидан зи фармони ӯй,

Ки дар базм гетӣ бад-ӯ*[3] равшан аст,
Ба разм-андарун кӯҳ дар ҷавшан аст.

Абулқосим он шаҳрёри далер
Куҷо гӯр бистонад аз чанги шер.

Ҷаҳондор Маҳмуд, к-андар набард
Сари саркашон андарорад ба гард,

Ҷаҳон то ҷаҳон бошад, ӯ шоҳ бод,
Баланд ахтараш афсари моҳ бод!

Ки ороиши чархи рахшанда*[4] ӯст,
Ба базм- андарун абри бахшанда ӯст.[5]

---

1. И-набуд ҳеч.
2. М- кундоваре.
3. М-Сари тахти гетӣ аз ӯ.
4. М-гарданда.
5. Е-б. 22-23 нест.

www.sattor.com

Хирад ҳасту ҳам некномиву дод,
Ҷаҳон бесару афсари ӯ мабод!

Сипоҳу дилу ганҷу дастур ҳаст,
Ҳамон разму базму ҳамон сур ҳаст.

Яке фарш густарда шуд дар ҷаҳон,
Ки ҳаргиз нишонаш нагардад ниҳон.

Куҷо фаршро маснаду марқад аст,
Нишастангаҳи Фазл ибн Аҳмад аст.

Набуд хусравонро чунин*[1] кадхудой
Ба парҳезу доду ба дину ба рой,

Ки ороми ин подшоҳӣ бад-ӯст,
Ки ӯ[2] бар сари номдорон накӯст.

Кушода забону дилу пок даст,
Парастандаи шоҳу яздонпараст.

Зи дастури фарзонаи додгар
Пароканда ранҷи ман омад ба сар.

Бипайвастам ин номаи бостон,
Писандида аз дафтари ростон,

Ки то рӯзи пирӣ маро бар диҳад,
Бузургиву динору афсар диҳад.

Надидам ҷаҳондори[3] бахшандае,
Ба гоҳи каён-бар[4] дурахшандае.

Ҳаме доштам, то ки ояд падид
Ҷаводе ки ҷудаш[5] нахоҳад калид.

---

1. М-чун ӯ.
2. ИМ-хирад.
3. ИЛ – чайҳондору.
4. И-баландахтаре ё.
5. И-ганҷаш.

www.sattor.com

Нигаҳбони дину нигаҳдори тоҷ,
Фурӯзандаи афсару[1] тахти оҷ.

Ба разми далерон тавоно бувад,
Ба ҷуну ҷаро низ доно бувад.

Ба бар оварад шохи дину хирад,
Гумонаш ба дониш хирад бардарад,[2]

Ба андеша аз бегазандон бувад,
Ҳамеша паноҳаш ба Яздон бувад.*[3]

Чунин сол бугзоштам шасту панҷ
Ба дарвешиву зиндагониву ранҷ.

Чу панҷ аз бари соли шастам гузашт,
Бад-он сон, ки боди баҳорӣ ба дашт,

Ман аз шасту шаш суст гаштам чу маст,
Ба ҷои инонам асо шуд ба даст.

Рухи лолагун гашт бар сони моҳ,*[4]
Чу кофур шуд ранги риши сиёҳ.*[5]

Зи пирӣ хам овард болои рост,
Ҳам аз наргисон рӯшноӣ бикост.[6]

Бад-он гаҳ, ки буд сол панҷоҳу ҳашт,
Ҷавон будаму чун ҷавонӣ гузашт,

Хурӯше шунидам зи гетӣ баланд,
Ки андеша шуд пиру ман бегазанд.

Ки эй номдорону гарданкашон,
Кӣ ҷуст аз Фаридуни фаррух нишон?

1. ИЛ-мулк бар.
2. ИЛ-равон парварад.
3. М-б. 38, 39 нест.
4. М-коҳ.
5. М-мушки.
6. И-б. 43, 44 нест.

www.sattor.com

Фаридуни бедордил зинда шуд,
Замину замон пеши ӯ банда шуд.

Ба доду ба бахшиш гирифт ин ҷаҳон,
Сараш бартар омад зи шоҳаншоҳон.

Фурӯзон шуд осори таърихи ӯй,
Ки ҷовид бодо бару бехи ӯй.

Аз он пас, ки гӯшам шунид он хурӯш,
Нахоҳам ниҳодан ба овоз гӯш.

Бипайвастам ин нома бар номи ӯй,
Ҳама меҳтарӣ бод фарҷоми ӯй,

Ки бошад ба пирӣ маро дастгир
Худованди шамшеру тоҷу сарир.

Ҳаме хоҳам аз кирдгори баланд,
Ки чандон бимонад танам бегазанд,[1]

Ки ин нома бар номи шоҳи ҷаҳон
Бигӯям, намонам сухан дар ниҳон.

В-аз он пас тани беҳунар хокрост,
Равони равон маъдани покрост.

Ҷаҳондори бахшандаи[2] додгар,
К-аз ӯяст пайдо ба гетӣ ҳунар.

Худованди Ҳинду худованди Чин
Худованди Эрону Туронзамин.

Худованди зебову бартарманиш,
В-аз ӯ дур байғораву сарзаниш.

Бидаррад зи овози чарми паланг
Ба хушкӣ палангу ба дарё наҳанг.

1. Л-б. 47-54 нест.
2. И-бахшандаву.

www.sattor.com

Ҷаҳондор Маҳмуди хуршедфаш
Ба разм-андарун шери шамшеркаш

Маро аз ҷаҳон бениёзӣ диҳад,
Миёни ялон[1] сарфарозӣ диҳад,

Ки ҷовид бодо сари тахти ӯй,
Ба коми дилаш гардиши*[2] бахти ӯй!

Чи динор дар базм пешаш, чи хок,
Зи бахшиш надорад дилаш тарсу*[3] бок.

Далер он, ки ӯро тавонад ситуд,
Касе к-аш ситоиш надонад ситуд,

Ки шоҳи ҷаҳон аз гумон бартар аст,
Чу бар тораки муштарӣ афсар аст.

Яке бандагӣ кардам, эй шаҳрёр,
Ки монад зи ман дар ҷаҳон ёдгор[4].

Биноҳои обод гардад хароб
Зи борону аз тобиши олфтоб.

Пай афкандам аз назм кохе баланд,
Ки аз боду борон наёбад газанд.

Бар ин нома- бар солҳо[5] бугзарад,
Ҳаме хонад он кас, ки дорад хирад.

Кунад офарин бар ҷаҳондор шоҳ,
Ки бе ӯ мабинод кас пешгоҳ![6]

Ҷаҳон сар ба сар пур зи осори ӯст,
Ҳам[7] ӯро ситоянда кирдори ӯст.

1. И-гавон.
2. М-дили дӯстон.
3. М-Ҳеҷ.
4. Л-б. 67 нест.
5. Л-гар умрҳо.
6. Л-пойгоҳ.
7. Л-мар.

www.sattor.com

Чу моя надорам санои варо,
Ситоиш кунам хоки пои варо.[1]

Замона саросар бад-ӯ зинда бод!
Хирад бахти ӯро фурӯзанда бод.

Дилаш шодмона чу хуррамбаҳор
Танозод аз*[2] гардиши рӯзгор[3].

Аз ӯ шод бодо дили анҷуман,
Ба ҳар кор пирӯзу чира ба тан.

Ҳаме то бигардад фалак чархвор,
Бувад андар ӯ муштариро*[4] гузор,[5]

Бимонод ҷовид*[6] дар иззу ноз,
Аз ӯ дур чашми баду бениёз.

Кунун з-ин сипас номаи бостон
Бипайвандам аз гуфтаи ростон[7].

Чу пеш оядам гардиши рӯзгор,
Набояд маро панди омӯзгор.

Чу пайкори Кайхусрав омад падид,
Бибояд зи ман ҷодуиҳо шунид.

Бад-ин достон дур биборам ҳаме,
Ба санг- андарун лола корам ҳаме.

Кунун хутбае ёфтам*[8] з-ин нишон,
Ки мағзи сухан ёфтам пеш аз он.

1. Л-б. 73 нест.
2. М-Ҳамеша бад-ин.
3. ИЛ-б. 75 нест.
4. М-ахтаронро.
5. Л-б. 77 нест.
6. М-шаҳаншаҳ бимонед.
7. И-б. 77-79 нест.
8. М-дебае бофтам.

www.sattor.com

Аё озмунро ниҳода ду чашм
Гаҳе шодмонӣ, гаҳе пур зи хашм.

Шигифт андар ин гунбади тезрав[1]
Бимонад ҳаме дил пур аз ранҷи нав,[2]

Якеро ҳамасола ранҷ асту дард,
Пушаймониву дард бояд-ш х(в)ард[3],

Якеро ҳама[4] баҳра шаҳд асту қанд,
Таносониву нозу тахти баланд.

Якеро ҳама рафтан андар фиреб,
Гаҳе бар фарозу гаҳе дар нишеб.

Чунин парваронад ҳаме рӯзгор,
Фузун омад аз ранҷи гул ранҷи хор.

Ҳар он гаҳ, ки сол андаромад ба шаст,
Бибояд кашидан зи бешиш даст.

Зи ҳафтод барнагзарад бар касе,
Зи даврони чарх озмуда басе.

В-агар бугзарад, он ҳам аз бадтарист,
Бар он зиндагонӣ бибояд гирист.

Агар шасти[5] моҳӣ будӣ соли[6] шаст,
Хирадманд аз ӯ ёфтӣ роҳи ҷаст.

Наёбам бар ин чархи гарданда роҳ,
На бар домани доми хуршеду моҳ.

---

1. И-тезгард.
2. И-Чунин дил пур аз доғу дард;
   ТПЗИ – Чунин буд, то буд даври замон,
   Ба наввӣ ту андар шигифтӣ мамон.
3. ИМ – Яке з-ӯ ҳама сол бо дарду ранҷ,
   Шуда тангдил дар сарои сипанҷ.
4. И- Ҳамон.
5. ЛМ-доми.
6. Л-доми.

www.sattor.com

Чаҳондор агарчанд кӯшад ба ранч,
Наёзад[1] ба кину нанозад[2] ба ганч.

Ҳамаш рафтан ояд ба дигар сарой,
Бимонад ҳаме кӯшиши ӯ ба чой.

Ту аз шоҳ Кайхусрав андоза гир,
Куҳангашта кори чаҳон тоза гир,

Ки кини падар бозчуст аз ниё
Ба шамшеру бар чораву кимиё.

Ниёро бикушту худ эдар намонд,
Чаҳон низ маншури ӯ барнахонд.

Чунин аст расми сарои сипанч
Бад-он кӯш, то дур монӣ зи ранч.

ОҒОЗИ ДОСТОН

ЛАШКАР ОРОСТАНИ КАЙХУСРАВ БО АФРОСИЁБ

Чу шуд кори Гударзу Пирон ба сар,
Ба чанги дигар шоҳи пирӯзгар

Биёрост бар ҳар сӯе меҳтарон,
Бирафтанд бо лашкари бекарон.[3]

Баромад хурӯшидани каррной,
Ба ҳомун кашиданд пардасарой.[4]

Яке тахти пирӯза бар пушти пил
Ниҳоданду шуд рӯи гетӣ чу нил.

Нишаст аз бари тахт боточ шоҳ,
Хурӯш омад аз дашт в-аз боргоҳ.

1. Л-битозад.
2. ЛМ-бинозад.
3. Л-лашкарони гарон.
4. Л-б. 103 нест.

www.sattor.com

Ба дашт-андарун роҳи рафтан набуд,
Ба шаҳр- андарун ҷои хуфтан набуд.

Чу бар тахти пил он шаҳи номвар
Задӣ мӯҳра дар ҷому бастӣ камар,

Набудӣ ба ҳар подшоҳӣ раво,
Нишастан магар бар дари подшо.

Аз он номвар хусрави саркашон
Чунин буд дар подшоҳӣ нишон.

Ба марзе ки лашкар фиристода буд,
Басе панду андарзҳо[1] дода буд.

Чу Лӯҳросп, чун Рустами тезчанг,
Ки аз жарфи дарё барорад наҳанг.

Дигар номвар Ашкаши паҳлавон,
Писандидаву роду равшанравон.

Бифармудашон бозгаштан ба дар,
Ҳар он кас, ки буд гурду пархошхар.

Дари ганҷ букшоду рӯзӣ бидод,
Басе аз равони падар кард ёд.

Фиристодагон ҷуст*[2] аз он анҷуман
Сухангӯю равшандилу ройзан[3].

Ба ҳар номдореву худкоме,
Навиштанд бар паҳлавӣ номае,

Ки пирӯз Кайхусрав аз пушти пил
Бизад мӯҳраву гашт кишвар чу нил.

На ором бодо шуморо, на хоб,
Магар сохтан кини Афросиёб.

1. ИЛ –бадраву пандҳо.
2. М-Се танро гусӣ кард.
3. И-б. 115 нест.

www.sattor.com

Чу бархонд он нома ҳар меҳтаре,
Куҷо буд дар подшоҳӣ саре.

Зи гурдони гетӣ баромад хурӯш,
Замин ҳамчу дарё баромад ба ҷӯш.

Бузургони ҳар кишваре бо сипоҳ
Ниҳоданд сар сӯи даргоҳи шоҳ.

Чу шуд сохта ҷангро лашкаре
Аз он номдорони ҳар кишваре,

Аз он пас бигардид гирди сипоҳ.[1]
Биёрост бар ҳар сӯи размгоҳ.

Гузин кард аз он лашкари номдор
Саворони шамшерзан сӣ ҳазор,

Ки бошанд бо ӯ ба қалб[2] -андарун
Ҳама ҷангро даст шуста ба хун.

Се танро гузид андарун анҷуман
Бузургони рӯинтану ройзан.

Чу Рустам, ки буд паҳлавони бузург,
Чу Гударзи бинодил он пиргург.

Дигар паҳлавон Туси зарринакафш,
Ки ӯ буд бо ковиёнӣ дурафш.[3]

1. И-ба Гударз фармуд шоҳ,
2. И- разм.
3. ТПЗМ – Бад-эшон чунин гуфт шоҳи ҷаҳон,
Ки эй номдорону фаррух меҳон,
Шуморо ба наздики ман ҷоҳу об
Фузун аз чи ҳар кас бубинад ба хоб.
Шумо бар се рӯя бигиред роҳ,
Бидоред лашкар зи душман нигоҳ.
Напардозам аз кини Афросиёб
Ба рахшанда рӯзу ба ҳангоми хоб.
Бихондам зи ҳар кишваре лашкарӣ
Ман ин ҷангу кинро кунам испарӣ.

www.sattor.com

Ба як даст мар Тусро кард ҷой
Манӯшону Хузони фархундарой,

Ки бар кишвари Порс буданд шоҳ,
Манӯшону Хузони*[1] зарринкулоҳ[2]

В-аз он дуртар Ораши размсӯз,*[3]
Чу Гӯроншаҳ он гурди лашкарфурӯз,*[4]

Яке он ки бар Хузиён шоҳ буд,
Гаҳи разм бо бахт ҳамроҳ буд.

Яке*[5] шоҳи Кирмон, ки ҳангоми ҷанг
Накардӣ ба дил ёд рои диранг.

Чу Саббоҳи фарзона шоҳи Яман,
Дигар шердил Эраҷи пилтан,

Ки бар шаҳри Кобул буд ӯ подшо
Ҷаҳондору фарзонаву порсо.*[6]

Чу Шаммохи Сурӣ шаҳи Суриён,
Куҷо размро баста будӣ миён.

Фузунтар аз ӯ Қорани*[7] размзан,
Ба ҳар кор пирӯзу лашкаршикан,

Ки бар шаҳри Ховар буд ӯ подшо,
Ҷаҳондору бедору фармонраво.

Ҳар он кас, ки аз тухмаи Кайқубод
Бузургони бодонишу бонажод,

1. М-Або номдорони.
2. Л-б. 130 нест.
3. М-размзан.
4. М-лашкаршикан.
5. М-Дигар.
6. М-фирӯзу фармонраво.
7. М-фурӯтар аз ӯ Геван.

www.sattor.com

Ба дасти чапи хеш барҷой*[1] кард,
Дилафрӯзро лашкаророй кард.

Бузургон, ки аз тухми Гударз*[2] теғ
Задандӣ шаби тира бар тори меғ[3],

Яке Бежани Геву Руҳҳоми гурд,
Куҷо шоҳашон аз бузургон шумурд,

Чу Гургини Милоду гурдони Рай
Бирафтанд яксар ба фармони кай.

Дигар он ки буд ӯ зи тухми Зарасп,
Фурӯзандаи[4] фаррух Озаргушасп.

Паси пушти ӯро нигаҳ доштанд,
Ҳаме найза аз меғ бугзоштанд.

Ба Рустам супурд он замон маймана,
Ки якдил сипоҳе буду яктана.

Ҳар он кас, ки аз Зобулистон буданд,
В-агар меҳтару хеши Дастон буданд.

Бад-эшон супурд он замон дасти рост,
Ҳаме ному ороиши ҷанг хост.

Сипоҳе гузин кард бар майсара
Чу хуршеди тобон ба бурҷи бара.

Сипаҳдор Гударзи Кашвод буд,
Ҳаҷири сипаҳдору Фарҳод буд,

Бузургон, ки аз Бардаву Ардабил
Ба пеши ҷаҳондор буданд хел,

1. М-бар пои.
2. М-Зарир он ки.
3. б. 141 нест.
4. М-парастандаи.

www.sattor.com

Сипаҳдор Гударзро хостанд,
Чапи лашкарашро биёростанд.

Бифармуд, то пеши қалби сипоҳ
Ба пилони ҷангӣ бубастанд роҳ.

Ниҳоданд сандуқ бар пушти пил,
Замин шуд ба кирдори дарёи Нил.

Ҳазорон далерони рӯзи набард
Ба сандуқ-дар новакандоз[1] кард.

Нигаҳбони ҳар пил сесад савор,
Ҳама ҷагҷӯю ҳама номдор.

Зи Бағдод гурдону ҷанговарон,
Ки буданд бо Зангаи Шоварон.

Гузида сипоҳе зи гурдони Карх,
Бифармуд, то бо камонҳои чарх

Пиёда бибуданд дар пеши пил,
Агар кӯҳ пеш омадӣ бар ду мил,

Дили санг бугзоштандӣ ба тир,
Набудӣ кас он захмро дастгир.

Пиёда паси пил карда ба пой,
Або нӯҳрашӣ[2] найзаи саргирой.

Сипарҳои гелӣ ба пеш - андарун,
Ҳаме аз ҷигаршон биҷӯшид хун.

Пиёда сафе аз паси найзадор,
Сипардор бо тири ҷавшангузор.

Паси пушти эшон саворони ҷанг,
Биёганда таркаш ба тири ҳаданг.

1. Л-сандуқ новакнигаҳдор.
2. Л- тиру бо.

www.sattor.com

Зи Ховар сипоҳе гузин кард шоҳ
Сипардор бо диръу румикулоҳ.

Зи гурдону гарданкашон сӣ ҳазор
Фарибурзро дод ҷангӣ савор.

Або шоҳи шаҳри Деҳистон-Тахор,
Ки дар чашми ӯ буд бадандеш хор,

Ки аз тухмаи номвар Дашма буд,
Бузурге бад-он гаҳ дар он тухма буд.

Ба дасти Фарибурз Настӯҳ буд,
Ки наздики ӯ лашкар анбӯҳ буд.

Бузургони[1] размозмуда сарон
Зи дашти саворони найзаварон.

Сари мояи[2] пешравшон Заҳир,
Ки оҳу рабудӣ зи чанголи шер.

Бифармуд, то назди Настӯҳ шуд,
Чапи лашкари шоҳ чун кӯҳ шуд.[3]

Сипоҳе буд аз Руму Барбарситон,
Яке пешрав, ном Кишварситон.[4]

Савору пиёда будӣ сӣ ҳазор,
Бирафтанд сӯи*[5] чапи шаҳрёр.

Дигар лашкаре, к-аз Хуросон буданд,
Ҷаҳонҷӯю мардумшиносон буданд,

Манучеҳри Ораш сипаҳдорашон,
Гаҳи номҷустан нигаҳдорашон.

1. И-далерону.
2. З-Мояву.
3. И-б. 171, 172 нест.
4. ИЛ- Лашкарситон.
5. М-ҳам аз.

www.sattor.com

Дигар номдоре Гурухоннажод[1]
Ҷаҳондор в-аз[2] тухмаи Кайқубод,

Куҷо номи ӯ Шоҳфирӯз буд,
Сипаҳбаддилу лашкарафрӯз буд.

Шаҳи Ғарчагон буд бар сони шер,
Куҷо пушти пил*[3] оваридӣ ба зер.

Бузургон, ки аз кӯҳи Қоф омаданд,
Або найзаву гурзу*[4] лоф омаданд.

Сипоҳе зи тухми Фаридуну Ҷам,
Пур аз кин дил аз тухмаи Зодшам.

Гузин кард шамшерзан сӣ ҳазор,
Ҷаҳонҷӯй в-аз тухмаи шаҳрёр.

Супурд он сипаҳ Геви Гударзро,
Бад-ӯ тоза шуд дил ҳама марзро.

Паси Гев буд Оваи Самканон
Бирафтанд хайлаш ягону дугон.

Ба ёрӣ ба пушти сарафроз Гев
Бирафтанд гурдони бедори нев.

Фиристод бар маймана даҳ ҳазор
Диловар саворони ханҷаргузор[5].

Дигар даҳ ҳазор аз далерони гурд
Паси Гев Гударзро баршумурд.[6]

Дамодам бишуд Бартаи теғзан
Або кӯҳиён андар он анҷуман,

1. ИЛ-Курухоннажод.
2. И-Ҷаҳонҷӯӣ аз.
3. М-жандапил.
4. М-теғу.
5. Л-шамшердор.
6. И-188 нест.

www.sattor.com

Ки бошад ба ҷанг-андарун ёри Гев,
Сипоҳи сарафрозу гурдони нев.

Фиристод бар майсара сӣ ҳазор
Гузида савор аз дари корзор.

Завора буд ин ҷангро пешрав,
Сипоҳе ҳама ҷангсозони нав.

Зи гурдони ҷанговарон даҳ ҳазор
Гузин кард шоҳ аз дари корзор[1]*[2]

Ба пеш-андарун Қорани размзан
Сари номдорони он анҷуман.[3]

Бад-он то миёни ду рӯя сипоҳ
Бувад гурди аспафкану размхоҳ.

В-аз он пас ба Густаҳм Гуждаҳм гуфт,
Ки «Бо Қорани размзан бош ҷуфт!»

Бифармуд, то дар[4] миён пури Тус
Бигардад ба ҳар[5] ҷой бо буқу кӯс.

Касеро куҷо нест яздонпараст,
Бад-он, то бубандад зи бедод даст,

Набошад кас аз хӯрданӣ бенаво,
Ситам низ бар кас надорад раво.

Ҳаме ҳарчи бояд, бихоҳад зи шоҳ
Ба ҳар кор бошад забони сипоҳ.[6]

Ҷаҳон пур зи гардун буду говмеш
Зи бахри хуриш роҳ меронд пеш.

1. И-б. 193 нест.
2. М-ҳама номдору ҳама найзадор.
3. л-б. 194 нест.
4. И-кандар.
5. И-ҳама.
6. Л-б. 200 нест.

www.sattor.com

Ба ҳар сӯ талоя падидор кард,
Сари хуфта аз хоб бедор кард.

Ба ҳар сӯ фиристод[1] корогаҳон,
Ҳамеҷуст бедор кори ҷаҳон.

Куҷо кӯҳ буд, дидабон доштӣ,
Сипаҳро пароканда бигзоштӣ.

Ҳама ғору кӯҳу биёбону дашт,
Ба ҳар сӯ ҳаме гирди лашкар бигашт.

Инонҳо як андар дигар сохта,
Ҳаме ҷангро гардан афрохта.

Аз эшон касеро набуд биму ранҷ
Ҳаме ронд бо хештан шоҳ ганҷ.

Бад-ин гуна чун кори*[2] лашкар бисохт,
Ба гардун кулоҳи каён[3] барфарохт,

Дили марди бадхоҳ*[4] ё некхӯй
Ба ҷуз ҷанги гурдон накард орзӯй.

ОГОҲӢ ЁФТАНИ АФРОСИЁБ АЗ КУШТА ШУДАНИ ПИРОН ВА ЛАШКАР ОРОСТАНИ КАЙХУСРАВ

Сипаҳдори туркон аз он рӯи Чоҷ
Нишаста ба ором бар[5] тахти оҷ.[6]

Ду бора зи лашкар ҳазорон ҳазор
Сипаҳ буд бо олати корзор.

---

1. Л-ҳамерафт; И-бирафтанд.
2. М-шоҳ.
3. ИМ-кай.
4. М-бадсоз.
5. Л-Ба Гулзарриюн буд бо.
6. ТПЗИЛМ – Нишаста ба Гулзарриюн* бо касон
   Ҳама сарфарозону** мардумкушон.

*Л-Ганг андарун ** Л-номдорону.

www.sattor.com

Бар он марзи кӯҳсор-бар ҳар чи буд
Зи барги дарахту зи кишту дуруд,

Бихӯрданд яксар ҳама бору барг,
Ҷаҳонро ҳаме орзу буд марг.

Сипаҳдори туркон ба Байканд[1] буд,
Басе гирди ӯ хешу пайванд буд.

215 Ҳама номдорони Мочину Чин
Нишаста бари шоҳи Туронзамин.

Ҷаҳон пур зи хиргоҳу пардасарой,
Зи хайма набуд бар замин ҳеч[2] ҷой[3].

Ҷаҳонҷӯи пурдониш Афросиёб
Ба Кундуз нишаста ба хӯрду ба хоб.

Нишаст андар он шаҳр[4] аз он карда буд,
Ки Кундуз[5] Фаридун баровварда буд.

Баровард дар Кундуз оташкада,
Ҳама Занду Усто ба зар озада.

220 Варо ном Кундуз будӣ паҳлавӣ,
Агар паҳлавонӣ сухан бишнавӣ.

Кунун номи Кундуз ба Байганд гашт,
Замона пур аз банду авранд гашт.

Набера Фаридун буд Афросиёб
Зи Кундуз ба рафтан накардӣ шитоб.

Худу вижагонаш нишаста ба дашт,
Сипеҳр аз сипоҳаш ҳаме хира гашт.

---

1. Л-Дизканд.
2. Л-низ.
3. И-б.216 нест.
4. И-марз.
5. Л-Гангдиз.

www.sattor.com

Зи дебои чинӣ саропарда буд,
Фаровон ба парда - дарун барда буд.[1]

Ба парда- дарун хаймаҳои паланг,
Бар оини солори туркон Пашанг.

Ниҳода ба хайма-дарун тахти зар,
Ҳама пайкари тахт зарру гуҳар.

Нишаста бар ӯ шоҳи туронсипоҳ,
Ба даст[2]- андарун гурзу бар сар кулоҳ.

Зи беруни даҳлези пардасарой,
Фаровон дурафши бузургон ба пой.

Зада бар дараш хаймае ҳар касе,
Ки наздики ӯ об будаш басе.

Бародар будаш чанду[3] чанде[4] писар,
Зи бегонагон[5] он ки буд боҳунар,

Ҳаме хост, к-ояд ба пушти сипоҳ
Ба ёрии Пирон бад-ин[6] размгоҳ,

Саҳаргаҳ саворе биёмад чу гард,
Суханҳои Пирон ҳама ёд кард.

Ҳама хастагон аз паси якдигар
Расиданд гирёну пурхок сар.

Ҳама ҳар касе ёд кард, он чӣ дид,
Аз он бад, к-аз Эрон ба Турон расид.

Зи Пирону Лаҳҳоку Фаршедвард,
В-аз он номдорони рӯзи набард.

1. Л-б. 219-224 нест.
2. ЛМ-чанг.
3. И-буду чанд.
4. Л-буду хешу хайлу.
5. И-хешони шоҳ.
6. Л-ёрӣ сипаҳбад бад-он; И-наздики Пирону он.

www.sattor.com

Чи рӯи сипоҳу чу пушти сипоҳ
Чи зорӣ расид андар он размгоҳ.

Ҳамон рӯз Кайхусрав он ҷо расид,
Замин кӯҳ то кӯҳ лашкар кашид.

Ба зинҳор шуд лашкари мо ҳама,
Ҳаросон шуд аз бешубонӣ рама.

Чу бишнид шоҳ ин сухан, хира шуд,
Сияҳ шуд рухаш, чун дилаш тира шуд.

Хурӯшон фуруд омад аз тахти оҷ,
Ба пеши бузургон бияфканд тоҷ.

Хурӯше баромад зи лашкар ба дард
Рухи номдорон шуд аз дард зард.

Зи бегона ҷояш бипардохтанд,[1]
Зи хешон яке анҷуман сохтанд.

Аз он дард бигрист Афросиёб
Ҳаме канд мӯю ҳаме рехт об.

Ҳаме гуфт: «Зор эй ҷаҳонбини ман,
Савори сарафроз, Рӯини ман.

Чу Ҳумону[2] Лаҳҳоку Фаршедвард,
Саворону шерони рӯзи набард.

Аз ин ҷанг пуру бародар[3] намонд,
Сипаҳдору солори*[4] лашкар[5] намонд».

Бинолиду бар дигар андоза гашт,
Ғаму дарди лашкар бар ӯ тоза гашт.

---

1. И-Зи бегонаҳо хона пардохтанд.
2. И-ҷаҳонҷӯй.
3. Л-набера.
4. М-Бузургону солору.
5. Л-Дурафшу сипоҳу табира.

www.sattor.com

Пас он гаҳ яке сахт савганд х(в)ард,
Ҳаме гуфт бо ранҷу тимору дард:[1]

«Ба Яздон, ки безорам аз тахти оч,*[2]
Сарам низ безор бошад зи точ.*[3]

Қабо ҷавшану асп тахти ман аст,
Кулаҳ хӯду найза дарахти ман аст.

Аз ин пас нахоҳам чамиду чарид,
Дигар хештан тоҷро парварид.

Магар кини он номдорони ман,
Ҷаҳонҷӯю*[4] ханҷаргузорони ман

Бихоҳам зи Кайхусрави шумзод,
Ки тухми Сиёвуш ба гетӣ мабод!

Хурӯшон ҳаме буд аз ин гуфтугӯй,
Зи Кайхусрав огоҳӣ омад бад-ӯй,

Ки лашкар ба наздики Ҷайҳун расид,
Ҳама рӯи кишвар сипаҳ густарид.

Бад-он дарду зорӣ сипаҳро бихонд,
Зи Пирон фаровон суханҳо биронд.

Зи хуни бародар-ш Фаршедвард
Зи Рӯину гурдони рӯзи набард.

Бад-эшон чунин гуфт Афросиёб,
К-аз ин пас маҷӯед орому хоб,

Ки душман сипаҳ карду шуд тезчанг
На ҳангоми рой асту гоҳи диранг.[5]

1. И-б. 247, 248 нест.
2. М-тахту гоҳ.
3. М-Агар низ бинад сари ман кулоҳ.
4. М-Саворону.
5. ИЛ-б. 258, 259 нест.

www.sattor.com

Кунун гоҳи кин асту хунрехтан,
Ба ширин равон андаровехтан.

Ҳамам ранҷи меҳр асту ҳам ранҷи кин
Зи Пирону аз[1] шоҳи Эронзамин.

Бузургони Эрон[2]*[3] ба Афросиёб
Бигуфтанду карданд мижгон пуроб,

Ки мо сар ба сар шоҳро[4] бандаем,
Нагардем аз ин кина, то зиндаем.*[5]

Чу Пирону Рӯин зи модар назод
Чу Фаршедвард он Фаридуннажод[6]

Кунун мо ҳама пеши шоҳ- андарем
Агар сарфарозем, агар кеҳтарем.

Зи хун гар дару кӯҳ дарё шавад,
Дарозии мо ҳамчу паҳно шавад.

Яке барнагардем аз ин кинагоҳ,*[7]
Агар ёр бошад худованди[8] моҳ»

Дили шоҳи туркон аз он тоза шуд[9],
Биболиду[10] бар дигар андоза шуд.[11]

Дари ганҷ букшоду рӯзӣ бидод,
Дилаш пур зи кину сараш пур зи бод.

---

1. И-Турон в-аз.
2. ИЛ-туркон.
3. М-Турон.
4. И-реши иу.
5. М-Ба фармону роят сарафкандаем.
6. И-Фаршедварди гироминажод.
7. М-размгоҳ.
8. И-бошад хуршед.
9. ИМ-ӯ тоза гашт.
10. И-Бихандиду.
11. ИМ-гашт.

www.sattor.com

Гала ҳарчи будаш ба дашту ба кӯҳ,
Бубахшид бар лашкараш ҳамгурӯҳ.[1]

Зи туркони шамшерзан сӣ ҳазор
Гузин кард шоҳ аз дари корзор.

Ба Ҷайҳун бифармуд то бугзаранд,
Ба киштӣ ҳама обро биспаранд.

Бад-он то шаби тира бе сохтан
Ба киштӣ наёрад касе тохтан.

Фиристод бар ҳар сӯе лашкаре,
Басе чора бархост аз ҳар даре.[2]

Чунон буд фармони Яздони пок,
Ки бедодгар шоҳ гардад ҳалок.

Шаби тира биншаст бо бихрадон,
Ҷаҳондидаву ройзан мӯбадон.

Зи ҳар гуна бо ҳам ҳаме сохтанд,
Ҷаҳонро чапу рост андохтанд.[3]

Бар он барниҳоданд яксар, ки шоҳ
Зи Ҷайҳун бад-он сӯ гузорад сипоҳ.

Ҳаме чора ҷуст аз бади бадгумон
Сипаҳро ба ду нима кард он замон.

Қарохон, ки ӯ буд меҳтарписар,
Бифармуд, то рафт пеши падар.

---

1. ТПЗИМ – Зи гурдони шамшерзан сӣ ҳазор,
Гузин кардашон аз дари корзор.
Сӯи Балхи Бомӣ фиристодашон,
Басе панду андарзҳо додашон,
Ки Густаҳми Нӯзар буд он ҷо ба пой
Саворони равшандилу раҳнамой.
2. И-б. 274 нест.
3. И-277 нест.

www.sattor.com

Падар буд гуфтӣ ба мардӣ ба ҷой
Ба болову дидору фарҳангу рой.

Зи чандон сипаҳ ниме ӯро супурд,
Ҷаҳондидаву номбардору гурд.

Бифармуд, то дар Бухоро бувад,
Ба пушти падар кӯҳи хоро бувад.

Дамодам фиристад силеҳу сипоҳ
Хуриш бозпас нагсилонад зи роҳ.

Сипаҳ бад зи Байканд берун кашид,
Дамон бар лаби рӯди Ҷайҳун кашид.

Сипаҳбуд сар то сари рӯдбор,
Биёвард киштӣ фузун[1] аз ҳазор.

Ба як ҳафта бар об киштӣ гузашт,
Сипаҳ буд яксар ҳама кӯҳу[2] дашт.

Зи анбӯҳи пилону шерони рам
Гузарҳои Ҷайҳун пур аз боду дам.

Зи киштӣ ҳама об шуд нопадид,
Биёбони Омӯй лашкар кашид.

Биёмад паси лашкар Афросиёб,
Бар андешаи разм бугзашт об.

Пароканд ҳар сӯ ҳаюни давон
Яке марди бедору[3] равшанравон.

«Бубинед,-гуфт,-аз чапу дасти рост,
Ки болову паҳнои лашкар куҷост.

Чу бозомад аз ҳар сӯе корсоз,
Чунин гуфт бо шоҳи гарданфароз,

1. ИЛМ – киштиву заврақ.
2. ИЛ-руду.
3. И-ҳушёру.

www.sattor.com

Ки чандин сипаҳро бар ин дашти ҷанг
Алаф бояду озу ҷои диранг.

Зи як сӯи[1] дарёи Гелон раҳ аст,
Чарогоҳи аспону ҷои нишаст.

Бад-ин рӯи Ҷайҳун бар оби равон
Хуриш оварам, марди равшанравон.

Миён-андарун[2] регу ҷои[3] фарох
Саропардаву хайма бар ҷои кох.

Дилаш тозатар гашт аз ин огаҳӣ
Биболид бар гоҳи шоҳаншаҳӣ

Сипаҳбад басе дида буд корзор,
Нарафтӣ ба гуфтори омӯзгор.

Биёрост қалбу ҷаноҳи сипоҳ,
Талоя ки дорад зи душман[4] нигоҳ.

Ҳамон соқаву ҷойгоҳи буна,
Ҳама майсара низ бо маймана.

Биёрост лашкаргаҳи шоҳвор
Ба қалб-андарун теғзан сад ҳазор.

Нигаҳ кард дар қалбгаҳ ҷои хеш,
Сипаҳбад буду лашкаророи хеш.

Гузин кард дасти чапашро Пашанг,
Ки ӯ доштӣ зӯри ҷанги паланг.

Ба лашкар чун ӯ[5] номдоре набуд,
Ба ҳар ҷой чун ӯ саворе набуд.

1. И-рӯи.
2. И-миёна дарун.
3. И-дашти.
4. И-сипаҳро.
5. Л-чун он.

www.sattor.com

Пашанг асту номаш падар Шеда хонд,
Ки шеда ба хуршеди тобанда монд.

Барангехтӣ аспу думми паланг,
Гирифтӣ, бикандӣ ба нерӯи[1] чанг.

Ҳама найзаи оҳанин доштӣ,
Ба овард-бар кӯҳ бугзоштӣ.

Зи гурдону гарданкашон сад ҳазор
Бад-ӯ дода шоҳ аз дари корзор.

Зи Шеда яке буд кеҳтар ба сол
Бародар буд ӯрову фаррух ҳамол.

Далеру кучо Ҷаҳн буд номи ӯй,
Пароканда гирди ҷаҳон коми ӯй,

Ки будӣ ба пеши падар ройзан,
Зи дониш сараш бартар аз анҷуман.[2]

Бад-ӯ дод турки Чигил сад ҳазор
Савորони шоистаи корзор,

Ки бошад нигаҳбони пушти Пашанг,
Напечад сар, ар борад аз абр санг.[3]

Набера ҷаҳондор Афросиёб,
Ки аз пушти шерон буридӣ кабоб.[4]

Сӯи маймана лашкаре баргузид,
Ки хуршед гашт аз ҷаҳон нопадид.

---

1. Л-ба нерӯ бихандӣ ба,
2. ТПЗИЛМ – Бад-ӯ дод аз чиниён сӣ ҳазор
Саворони шоистаи корзор.
Ҳамон майсара Ҷаҳнро доду гуфт,
Ки некахтарат бод ҳар ҷой ҷуфт.
Буд Афросиёбаш чаҳорум писар,
Камарбаста омад ба пеши падар.
3. ИМ – Сипоҳе ба ҷангӣ Каҳило супурд,
Яке низ бар пури Ило супурд.
4. ИЛ –б. 315 нест.

www.sattor.com

Тториву Балхиву Халлухсавор
Ҳама паҳлавонони ханҷаргузор,

Ки солорашон буд панҷум писар
Яке номвар гурди пархошхар.

Варо хондандӣ гави Гурдгир,
Ки бар кӯҳ бугзоштӣ теғу тир,

Зи гурдону ҷанговарон сӣ ҳазор
Бирафтанд бо ханҷари корзор.

Дамуру Ҷиранҷос бо ӯ бирафт,
Ба ёрии Ҷаҳни сарафроз тафт.[1]

Ҷаҳондида Настӯҳ солорашон,
Пашанги диловар нигаҳдорашон.

Ҳама сӣ ҳазор аз ялон туркмон
Бирафтанд бо гурзу тиру камон.[2]

Сипаҳбад чу Ағрираси ҷангҷӯй,
Ки бо хун яке доштӣ оби ҷӯй.

Аз он*[3] номвар теғзан чил[4] ҳазор
Гузин кард шоҳ аз дари корзор.

Сипаҳдор Гарсевази пилтан,
Ҷаҳонҷӯй солори он анҷуман.

Бад-ӯ дод пилон сарафроз шоҳ
Сари номдорону пушти сипоҳ.[5]

В-аз он пас гузид аз ялон даҳ ҳазор,
Ки серӣ надонад гаҳи корзор.

1. И-б. 321 нест.
2. Л-б. 321-323 нест.
3. М – Пас аз.
4. Л- Сипоҳе чунин теғзан сад.
5. ИЛ-б. 327 нест.

www.sattor.com

Бифармуд, то дар миёни ду саф
Ба овардгаҳ бар лаб оварда каф.

Пароканда бар лашкар асп афкананд,
Дилу пушти эрониён бишкананд.

Сӯи бохтар буд пушти сипоҳ,
Шаб омад, ба пилон бубастанд роҳ.

Чунин сохт*[1] солори гетифурӯз,
Ки дорад сипаҳ чашм бар Нимрӯз.

ОГОҲӢ ЁФТАНИ КАЙХУСРАВ АЗ ОМАДАНИ АФРОСИЁБ БА ҶАНГИ Ӯ

Чу огоҳ шуд шаҳрёри ҷаҳон
Зи гуфтори бедор корогаҳон.

Зи туркону аз[2] кори Афросиёб,
Ки овард лашкар бар ин рӯи об.

Сипоҳе бар ин сӯи Ҷайҳун кашид,
Ки шуд сангу рег аз ҷаҳон нопадид.

Чу бишнид Хусрав, гавонро[3] бихонд,
Шунида ҳамаш,[4]*[5] пеши эшон биронд.

Сипоҳе зи ҷанговарон баргузид,
Бузургони Эрон чунон чун сазид.

Чашида басе аз ҷаҳон шӯру талх,
Ба ёрии Густаҳми Нӯзар ба Балх.

Ба Ашкаш бифармуд, то сӯи Зам
Барад лашкару пилу ганҷу дирам.

1. М – гуфт.
2. ИЛ-в-аз.
3. И-Ялонро.
4. И-Ҳама гуфтанӣ.
5. М – ҳама.

www.sattor.com

Бад-он то пас-андар наёяд сипоҳ,
Кунад рои шерони Эрон табоҳ.

В-аз он пас ялонро ҳама барнишонд,
Бизад кӯси рӯину лашкар биронд.

Ҳаме рафт бо рою ҳушу диранг,
Ки тезӣ пушаймонӣ орад ба ҷанг.

Сипаҳдор чун дар биёбон расид,
Гурозидану сози лашкар бидид,

Сипаҳро гузар сӯи*[1] Хоразм буд,
Ҳамон регдашт аз дари разм буд.

Ба чап-бар деҳистону бар рост об,
Миён регу пеш-андар Афросиёб.

Худу Рустаму Тусу Гударзу Гев,
Басе лашкар аз номдорони нев,

Ҳаме гашт бар гирди он размгоҳ,
Биёбон нигаҳ карду бероҳу роҳ.

Чу огоҳ шуд з-он сипоҳи ниё,
Дили подшо шуд пур аз кимиё,

Ки лашкар фузун буд аз он, к-ӯ шумурд
Ҳама жандапилону мардони гурд.

Ба гирди сипаҳ-бар яке канда кард,
Талоя зи ҳар сӯ пароканда кард.

Шаб омад ба канда дарафканда об
Бад-он сӯ, ки буд рӯи Афросиёб.

Хасак барпароканд бар гирди дашт,
Ки душман наёрад бар он ҷо гузашт.[2]

1. М- сӯи рост.
2. И-б. 352 нест.

www.sattor.com

Чу хуршеди тобон зи бурҷи бара
Биёрост рӯи замин яксара,

Сипаҳдори туркон сипаҳро бидид,
Бизад нои рӯину саф баркашид.

Ҷаҳон шуд пуровои бӯқу сипоҳ,
Ялон[1] барниҳоданд аз оҳан кулоҳ.

Ту гуфтӣ, ки рӯи замин оҳан аст,
Зи найза ҳаво низ дар ҷавшан аст.

Ду лашкар чунон шуд се рӯзу се шаб,
Якеро зи эшон[2] наҷунбид лаб.

Аз ин рӯй он рӯй бар пушти зин
Пиёда ба пеш-андарун ҳамчунин.

Ту гуфтӣ замин*[3] кӯҳи оҳан шудаст,
Ҳамон пӯшиши чарх ҷавшан шудаст.

Ситорашумар пеши ду[4] шаҳрёр
Пурандешаву зиҷҳо дар[5] канор.

Ҳаме бозҷустанд рози сипеҳр
Ба суллоб, то бар кӣ гардад ба меҳр.

Сипеҳр андар он ҷанг наззора буд,
Ситорашумар сахт бечора буд.

ОМАДАНИ ПАШАНГ НАЗДИКИ ПАДАР - АФРОСИЁБ

Ба рӯзи чаҳорум чу шуд кор танг
Ба пеши падар шуд диловар Пашанг.

1. ИЛМ-ҳама.
2. И-К-аз эшон якеро.
3. М-ҷаҳон.
4. ИЛ-он.
5. ИЛ-бар.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй номдори[1] ҷаҳон,
Сарафрозтар кас миёни меҳон,[2]

Ба фарри ту зери фалак шоҳ нест,
Туро моҳу хуршед бадхоҳ нест.

Шавад кӯҳи оҳан чу дарёи об
Агар бишнавад номи Афросиёб.

Замин барнатобад сипоҳи туро,
На хуршеди тобон кулоҳи туро.

Наёмад зи шоҳон касе пеши ту
Ҷуз ин бадгуҳар бепадар хеши ту.

Сиёвахшро чун писар доштӣ,
Бар ӯ ранҷу меҳри падар доштӣ.

Яке боди нохуш зи рӯи ҳаво,
Бар ӯ баргузаштан набудӣ раво.

Аз ӯ сер гаштӣ, чу гаштат дуруст,
Ки ӯ тоҷу тахту кулоҳи ту ҷуст.

Гар ӯро накуштӣ ҷаҳондор шоҳ,
Бад-ӯ бозгаштӣ нигину кулоҳ.

Кунун он ки омад ба пешат ба ҷанг,
Ба гетӣ наёбад фаровон диранг.[3]

Бипарвардӣ ин шуми нопокро,
Падарвор наспурдияш хокро.

Ҳаме доштӣ, то баровард пар,*[4]
Шуд аз меҳри шоҳ аз дари тоҷи зар.

---

1. ИМ-кадхудой.
2. И-Сарафрозу пирӯз бар меҳтарон.
3. ТПЗИМ - Ҳар он кас, ки некӣ фаромуш кунад,
Ҳаме рои ҷони Сиёвуш кунад.
4. М-сар.

www.sattor.com

Зи Турон чу мурғе ба Эрон парид,
Ту гуфтӣ, ки ҳаргиз ниёро надид.

Зи хубӣ нигаҳ кун, ки Пирон чи кард
Бар он бевафо, носазовор мард.

Ҳама меҳри Пирон фаромӯш кард,
Пур аз кин дилу сар пур аз ҷӯш кард.

Ҳаме буд хоҳиш, чу омад ба мушт,
Чунон меҳрбон паҳлавонро бикушт.[1]

Аз Эрон кунун бо сипоҳе ба ҷанг
Биёмад ба пеши ниё тезчанг.

На динор хоҳад ҳаме, на кулоҳ
Дигар аспу*[2] шамшеру ганҷу сипоҳ

Зи хешон ҷуз аз ҷон наҷӯяд ҳаме
Сухан ҷуз бад-ин сон нагӯяд ҳаме.

Падар шоҳу фарзонатар[3] подшост,
Бар ин рост гуфтори ман-бар гувост.

Сипаҳро чӣ бояд[4] ситорашумар,
Ба шамшер ҷӯянд гурдон[5] ҳунар!

Саворон, ки дар маймана бо мананд,
Ҳама ҷангро якдилу яктананд.

Чу дастур бошад маро подшо,
Аз эшон саворе намонам ба ҷо.

---

1. Л-379 нест.
2. М – На асту на.
3. Л- фарзонаву.
4. ТПЗЛ – Аз эрониён нест чандин сухун,
Сипаҳро чунин дилшикаста* макун.
*Л – Дили ҷангҷӯён чунин бод.
4. И-бад-ин чи бинад.
5. И-ҷӯяд мардон.

www.sattor.com

Бидӯзам сару тарги эшон ба тир,
Наяндешам аз кандаву обгир».

Чу бишнид Афросиёб ин сухун,
Бад-ӯ гуфт: «Маштобу[1] тундӣ макун.

Сухан ҳарчи гуфтӣ, ҳама рост буд,
Ҷуз аз ростиро нашояд шунуд.

Валекин ту донӣ, ки Пирони гурд
Ба гетӣ ҳама роҳи некӣ сипурд.

Набуд дар дилаш кажживу костӣ,
Наҷустӣ ба ҷуз хубиву ростӣ.

Ҳамон пил буд рӯзи ҷанг ӯ ба зӯр,
Чу дарё дилу рух чу тобанда ҳур.

Бародар-ш Ҳумон паланги набард,
Чу Лаҳҳоки ҷангиву Фаршедвард,

Зи туркон саворони кин сад ҳазор
Ҳама номҷӯй аз дари корзор.

Бирафтанд аз эдар пур аз ҷангу ҷӯш,
Ман андар ниҳон бо ғаму бо хурӯш.

Аз он гуна бар дашти кин кушта шуд,
Замин зерашон чун гил оғушта шуд.

Ҳама марзи Турон шикастадиланд,
Зи тимор дилҳо ҳаме бугсиланд.

Набинанд ҷуз марги Пирон ба хоб,
Нахонад касе номи Афросиёб.

Бибошем, то номдорони мо,
Бузургони лашкар, саворони мо

1. И-б-андешу.

www.sattor.com

Бубинанд эрониёнро ба чашм,
Зи дил кам шавад дарду тимору хашм.

Ҳам эрониён низ чандин сипоҳ
Бубинанд бо ганҷу тахту кулоҳ.[1]

Ба анбӯҳ ҷустан на нек аст ҷанг,
Шикасте бувад, бод монад ба чанг.

Мубориз пароканда берун кунам
В-аз эшон биёбон пур аз хун кунам».

Чунин дод посух, ки «Эй шаҳрёр,
Ҷуз ин[2] гуна ҷӯӣ ҳаме корзор.

Мубориз зи лашкар нахустин манам,
Ки аспафкану гурди рӯинтанам.

Касеро надидам, ки рӯзи набард
Фишонад бар аспи ман аз бод гард.

Маро орзу ҷанги Кайхусрав аст,
Ки ӯ дар ҷаҳон шаҳрёри нав аст.

Агар ҷӯяд ӯ бегумон ҷанги ман,
Раҳоӣ наёбад ҳам аз чанги ман.

Дилу пушти Эрон шикаста шавад,
Бар он анҷуман кор баста шавад.

В-агар дигаре пешам ояд ба ҷанг,
Ба хок андарорам сараш бедиранг.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй корнодида мард,
Шаҳаншоҳ кай бо ту ҷӯяд[3] набард!

1. Л-б. 401 нест.
2. ИЛ- Чу з-ин.
3. ИЛ - ҷӯяд аз ту.

www.sattor.com

Агар ҷӯядӣ, ҳамнабардаш манам,
Тану номи ӯ зери пой[1] афканам.

Гар ӯ бо ман ояд ба овардгоҳ,
Баросояд аз ҷанг ҳар ду сипоҳ».

Бад-ӯ Шеда гуфт: «Эй ҷаҳондида мард,
Чашида зи гетӣ басе гарму сард,[2]

Писар панҷ мондаст пешат ба пой
Намонем, агар ту кунӣ разм рой.

На лашкар писандад, на яздонпараст,
Ки ту ҷанги ӯро кунӣ пешдаст».

ПАЙҒОМ ФИРИСТОДАНИ АФРОСИЁБ БА НАЗДИКИ КАЙХУСРАВ

Ба Шеда бигуфт: «Эй ҷаҳондор*[3] пур,
Ки бодо бад аз рӯзгори ту дур,

Чу бо Хусрав оҳанг дорӣ ба ҷанг,
Магардон дили худ бар ин кор танг[4].

Бирав, к-офаринандаат ёр бод,
Сари бадсиголат нагунсор бод![5]

Ба Кайхусрав аз ман паёме расон,
Бигӯяш, ки гетӣ дигар шуд ба[6] сон.

Набера, ки ҷанг[7] оварад бо ниё,
Сараш пурбадӣ бошаду кимиё.

1. Л-Ҳама номи ӯро ба хок.
2. И-б. 414 нест.
3. М- Бад-ӯ гуфт шоҳ, эй сарафроз.
4. ТПЗИМ – Аз эдар бирав то миёни сипоҳ,
   В-аз эшон яке марди доно бихоҳ.
5. И-б. 418, 419 нест.
6. ИМ – Ки гетӣ чунин дорад оину.
7. ИЛМ – разм.

www.sattor.com

Чунин буд рои ҷаҳонофарин,
Ки гардад ҷаҳон пур зи пархошу кин.

Сиёвуш на бар бегунаҳ кушта шуд,
Аз омӯзгорон сараш гашта шуд.

Гунаҳ гар маро буд, Пирон чӣ кард,
Чу Рӯину Лаҳҳоку Фаршедвард,

Ки бар пушти аспон[1] бибоист баст
Пур аз хун ба кирдори пилони маст?

В-ар[2] эдун, ки гӯӣ ки ту бадтанӣ,
Бадандешу аз тухми Аҳриманӣ[3].

Ба гавҳар нигар, то зи тухми манӣ,
Накӯҳиш ҳаме хештанро кунӣ.

Ту ин кин ба Гударзу Ковус мон,
Ки пеши ман оранд лашкар дамон[4].

На з-он гуфтам ин, к-аз ту тарсон шудам,
В-агар пил гаштам, ҳаросон шудам.

Ҳама реги[5] дарё маро лашкаранд,
Ҳама наррашерону кундоваранд.

Ҳар он гаҳ ки фармон диҳам, кӯҳи[6] Ганг
Чу дарё кунанд, эй писар, рӯзи ҷанг[7].

Валекин ҳаме тарсам аз кирдгор,
Зи хунрехтан в-аз бади рӯзгор,[8]

---

1. ИЛ – зиншон.
2. И – Гар.
3. ИЛ – оҳарманӣ.
4. ТПЗ – Ту хешиву эшон маро душмананд,
   Бимон то ҳамин ҷанг эшон кунанд.
5. Л- кӯҳу.
6. И-кӯҳу.
7. И –бедиранг.
8. И-ҳама зи бадрӯзгор.

www.sattor.com

Ки чандон сари номвар бе гуноҳ
Ҷудо гардад аз тан бар ин размгоҳ.

Гар аз пеши ман барнагардӣ ба ҷанг,
Ҳамоно, ки ояд-т аз ин кор нанг.

Чу бо мо ба савганд паймон кунӣ,
Бикӯшӣ, ки паймони мо нашканӣ,

Бар ин кор бошам туро раҳнамой,
Ки ганҷу сипоҳат бимонад ба ҷой.

Чу кори Сиёвуш фаромуш кунӣ,
Ниёро ба Турон Сиёвуш кунӣ.

Бародар бувад Ҷаҳну ҷангӣ Пашанг,
Ки дар ҷанг дарё кунад кӯҳи Ганг.

Ҳар он буму бар, к-он зи Эрон ниҳӣ,
Ба фармон кунам он зи туркон тиҳӣ.

Зи ганҷи ниёгон маро ҳар чӣ ҳаст
Зи динору аз тоҷу тахти нишаст,

Зи аспу силеҳу зи бешу зи кам,
Ки мерос монд аз ниё Зодшам,

Зи тоҷи*[1] бузургону тахту кулоҳ,
Зи чизе ки хоҳӣ зи баҳри сипоҳ,

Фиристам ҳама ҳамчунин пеши ту,
Ки тоза шавад з-он дилу кеши ту.

Ду лашкар баросояд аз ранҷи разм,
Ҳамон разми мо бозгардад ба базм.

В-ар эдун, ки ҷони туро Аҳриман
Бупечад ҳаме, то бипӯшӣ кафан,

1. М – ганҷи.

www.sattor.com

Ҷуз аз разму хун карданат рой нест,
Ба мағзи ту панди маро ҷой нест,

Ту аз лашкари хеш берун хиром,
Ман аз ҷои худ ҳам ниҳам пеш гом.[1]

Бигардем ҳарду ба овардгоҳ,
Баросояд аз ҷанг ҳарду*[2] сипоҳ.

Чу ман кушта гардам, ҷаҳон пеши туст,
Сипаҳ бандагону писар хеши туст.

В-агар ту шавӣ кушта бар дасти ман,
Касеро наёзорам аз анҷуман.

Сипоҳи ту дар зинҳори мананд,
Ҳама меҳтаронанду ёри мананд.

В-агар бо ман эдар наёӣ ба ҷанг,
Натобӣ ту бо кордида наҳанг,

Камарбаста пеши ту ояд Пашанг,
Чу ҷанг оварад, дур бош аз диранг.

Падар пир шуд, поймардаш ҷавон,
Ҷавони хирадманду равшанравон.[3]

Ба овардгаҳ бо ту ҷанг оварад,
Дили шеру чанги паланг оварад.

Бубинем, то бар кӣ гардад сипеҳр,
Киро барниҳад бар сар аз тоҷ меҳр.

В-ар эдун, ки бо ӯ наҷӯӣ набард,
Дигаргуна хоҳӣ ҳаме кор кард.

Бимон то биёсояд имшаб сипоҳ,
Чу бар сар ниҳад кӯҳ зарринкулоҳ,

1. ИЛ - Магар худ барояд-т аз ин кор ком.
2. М- чандин.
3. И-б. 454 нест.

www.sattor.com

Шаби тира з-ӯ доман андаркашад,
Яке чодари шаъp бар*[1] сар кашад,

Зи лашкар гузинем ҷанговарон,
Сарафроз бо гурзҳои[2] гарон.

Заминро зи хун ранги дебо кунем,
Зи болои бадхоҳ паҳно кунем.

Дувум рӯз ҳангоми бонги хурӯс
Бубандем бар кӯҳаи пил кӯс.

Саронро ба ёрӣ бурун оварем,
Ба ҷӯй-андарун об хун оварем.[3]

Севум рӯз лашкар ба кирдори кӯҳ
Дарорем дар разму кин ҳамгурӯҳ.

Бубинем, то ин сипеҳри баланд
Киро хор дорад, киро арҷманд.[4]

Чу бадхоҳ пайғоми ман бишнавад,
Бупечад, бад-ин панди ман[5] награвад.

Ба танҳотани хеш аз ӯ размхоҳ
Ба дидор дур аз миёни сипоҳ».

Гузин кард аз он бихрадон чор мард,
Кашида зи гетӣ басе[6] гарму сард.

Басе офарин карду омад бурун
Падар мижжа пуробу дил пур зи хун.

---

1. М – Яке парда аз шаъp дар.
2. Л- Касе, к-ӯ гирояд ба гурзи.
3. ТПЗ – Бузургони Эрону Туронзамин
   Биҷӯянд бо якдигар разму кин.
4. И-б. 464, 465 нест.
5. И- гуфтаҳо.
6. И- басе аз ҷаҳон.

www.sattor.com

Бурун рафт бо ӯ зи лашкар[1] ҳазор
Хирадманду шоистаи корзор.

Зи раҳ чун талоя бидидаш зи дур
Дурафшу синони сипаҳдори Тур.

Зи туркон ҳар он кас, ки буд пешрав
Зи нокордида саворони[2] нав.

Ба раҳ бо талоя баровехтанд,
Ба ноком бе Шеда хун рехтанд.

Тане чанд аз эрониён хаста шуд,
В-аз он рӯй пайкор пайваста шуд.

Ҳам андар замон Шеда он ҷо расид,
Нигаҳбони эрониёнро бидид.

Дили Шеда гашт андар он кор танг,
Ҳаме бозхонд он ялонро зи ҷанг.

Ба эрониён гуфт: «Наздики шоҳ
Саворе фиристед бо расму роҳ.

Бигӯяд, ки равшандиле[3] Шеда ном
Ба[4] шоҳ оваридаст чандин[5] паём.

Зи Афросиёб он сипаҳдори Чин
Падармодари шоҳи Эронзамин».

Саворе дамон[6] аз талоя бирафт,
Бари шоҳи Эрон хиромид[7] тафт,

1. ИЛМ - Гузин кард аз он номдорон.
2. И –ҷавонони.
3. И- Бигӯянд, к-омад гаве.
4. И-зи.
5. Л –чанде.
6. И –Сабук.
7. И-гурозанда.

www.sattor.com

Ки «Пайғамбари шоҳи туронсипоҳ,
Гави пурманиш бо дурафши сиёҳ.

Ҳаме Шеда гӯяд, ки ҳастам ба ном,
Гусӣ боядаш, то гузорад паём».

Дили шоҳ шуд з-он сухан пур зи шарм,
Фурӯ рехт аз дидагон оби гарм.

Чунин гуфт, к-«Ин Шеда холи ман аст,
Ба болову мардӣ ҳамоли ман аст».

Нигаҳ кард гарданкаше з-он миён,[1]
Набуд пеш ҷуз Қорани ковиён.[2]

Бад-ӯ гуфт: «Рав пеши ӯ шодком,
Дурудаш деҳ аз мову бишнав паём».[3]

Чу Қоран биёмад ба пеши сипоҳ,
Бидид он дурафши дурафшон сиёҳ.

Биёмад бари Шеда, додаш дуруд,
Зи шоҳу зи эрониён барфузуд.

Ҷавон низ букшод ширинзабон,
Ки бедордил буду равшанравон.

Бигуфт, ончӣ бишнид аз Афросиёб,
Зи ором в-аз базму разму шитоб.

Чу бишнид Қоран суханҳои нағз
Аз он номвар турки бедормағз,

Биёмад бари шоҳи Эрон, бигуфт,
Ки пайғомҳо бо хирад буд ҷуфт.[4]

1. Л- аз гавон.
2. Л- паҳлавон.
3. И-б. 486 нест.
4. И-б. 492 нест.

www.sattor.com

ПОСУХ ФИРИСТОДАНИ КАЙХУСРАВ БА АФРОСИЁБ

Чу бишнид Хусрав зи Қоран сухан,
Ба ёд омадаш рӯзгори[1] куҳан.

Бихандид Хусрав зи кори ниё
В-аз он ҷустани чораву кимиё.

Аз он пас чунин гуфт, к-«Афросиёб
Пушаймон шудаст аз гузаштан зи об.

Варо чашм беобу лаб пурсухан,
Маро дил пур аз дардҳои куҳан[2].

Бикӯшад, магар дил бупечонадам,
Ба бешии лашкар битарсонадам.

Надонад, ки гарданда чархи баланд
Нагардад ба боист рӯзи газанд.

Кунун[3] кори моро ҷуз ин нест рӯй,
Ки ман дил пур аз кин[4] шавам пеши ӯй.

Бигардам ба овард бо ӯ ба ҷанг,
Ба ҳангоми кӯшиш насозам диранг.

Ҳама бихрадону радони сипоҳ
Ба овоз гуфтанд, к-«Ин нест роҳ.

Ҷаҳондида пурдониш Афросиёб
Ҷуз аз чорасозӣ[5] набинад ба хоб.

Надонад[6] ҷуз аз тунбалу ҷодуӣ
Фиребу бадандешиву бадхуӣ.

1. И-дардҳои.
2. И-б. 496 нест.
3. И- Чу он.
4. И-дил пур зи кина.
5. И- чора чизе, Л- чораҷӯй.
6. И- набинад.

www.sattor.com

Зи лашкар кунун Шедаро баргузид,
Ки ин дид банди балоро[1] калид.

Ҳаме хоҳад аз шоҳи Эрон набард,
Бад-он то кунад рӯзи мо пур зи гард.[2]*[3]

Ту бар тезии ӯ далерӣ макун,
Аз Эрону аз тоҷ серӣ макун.[4]

Ба овард густох бо ӯ магард,
Набояд, ки монем бо ранҷу дард.

Ба дасти ту гар Шеда гардад табоҳ,
Яке номвар кам шавад з-он сипоҳ.

В-агар дур аз эдар ту гардӣ ҳалок
Аз Эрон барояд яке тирахок.

Яке зинда аз мо намонад ба ҷой,
На шаҳру бару буми Эрон ба пой.

Касе нест моро зи тухми каён,
Ки кинро бубандад камар бар миён.

Ниёи ту пири ҷаҳондида аст,[5]
Ба Турону Чин-дар писандида аст.[6]

Ҳаме пӯзиш орад бад-ин бад, ки кард,
Ба бечорагӣ ҷуст хоҳад набард.

Ҳаме гӯяд аспону ганҷу дирам,
Ки бинҳод Тур аз паи Зодшам.

Ҳамон тахти заррину тоҷи сарон,
Камарҳои заррину гурзи гарон

1. Л-бадиро.
2. ТПЗМ – В-агар Шеда аз шоҳ ҷӯяд набард,
Кунад рӯи моро зи тимор зард.
3. М-ба дард.
4. Л-б. 506 нест.
5. И- тире ҷаҳондидае.
6. И- писандидае:

www.sattor.com

Супорад ба ганҷи ту аз ганҷи хеш,
Магар боздорад[*1] бад-ин ранҷи хеш.

Ҳар он шаҳр к-аз буми Эрон ниҳӣ,
Ҳаме кард хоҳад зи туркон тиҳӣ.[2]

Ба Эрон хиромем пирӯзу шод,
Зи кори гузашта нагирем ёд».

Бад-ин гуна гуфтанд пиру ҷавон,
Ҷуз аз номвар Рустами паҳлавон,

Ки Рустам ҳаме з-оштӣ сар бигошт,
Зи дарди Сиёвуш ба дил кина дошт.

Ҳаме лаб ба дандон бихоид шоҳ,
Ҳаме кард хира бад-эшон нигоҳ.

В-аз он пас чунин гуфт, к-ин нест роҳ
Ба Эрон хиромидан аз[3] размгоҳ.

Куҷо он ҳама панду савганди мо,
Ки кардем бо шоҳ пайванд мо?[4]

Чу бар тахт-бар зинда Афросиёб
Бимонад, аз ӯ гардад Эрон хароб.

Ба Ковус яксар чӣ пӯзиш барем,
Бад-ин дидагон чун ба вай бингарем?

Шунидӣ, ки бар Эраҷи некбахт
Чу омад зи Тур аз паи тоҷу тахт.

Ба Нӯзар чӣ омад зи Афросиёб,
Ки бар куштани вай гирифташ шитоб?[5*6]

---

1. М- ҳамин боз харрад.
2. Л-б. 515-517 нест.
3. Л-хиромем аз ин; И-хиромем з-ин.
4. Л-б. 523 нест.
5. И-б. 527 нест.
6. М-Ки ҳаргиз мабинод шодӣ ба хоб.

www.sattor.com

Сиёвахши радро ҳаме бегуноҳ
Бикушт аз паи тахту ганҷу кулоҳ.

Фиребанда турке аз он анҷуман
Биёмад хиромон ба наздики ман.

Ҳаме орзу кард бо ман[1] набард,
Шуморо чаро шуд чунин рӯй зард?

Ҳаме аз шумо ин шигифт оядам,
Ҳамон кини пешин бияфзоядам.

Гумоне набурдам, ки эрониён
Кушоянд аз кина яксар[2] миён.

Касеро надидам аз эронсипоҳ,
Ки афканда буданд дар размгоҳ*[3]

Ки аз ҷанги эшон бад-ин сон*[4] шитоб
Гирифтанд аз гуфти*[5] Афросиёб».

Чу эрониён ин суханро зи шоҳ
Шуниданд, печон шуданд аз гуноҳ.[6]

Ба пӯзиш бигуфтанд:*[7] «Мо бандаем,
Ҳам аз меҳрбонӣ сароядаем.

Нахоҳад шаҳаншоҳ ҷуз номи нек,
Ба ҳар корҳо-дар[8]*[9] саранҷоми нек,

Ки шояд[10] ҷаҳондори бартарманиш
Нахоҳад, ки бар мо бувад сарзаниш,

1. ИЛМ – Гар аз ман ҳамеҷуст хоҳад.
2. И-ҷовид аз ин кин.
3. М- Ба ҷуз ростдил Рустами некхоҳ.
4. М- гирифтӣ.
5. М-Ба гуфти фиребанда.
6. Л-б. 535 нест.
7. М- Гирифтанд пӯзиш, ки мо.
8. Л-корҳо ҷуз.
9. М-Ҳама корҳоро.
10. ИМ - ситуда.

www.sattor.com

Ки гӯянд аз Эрон саворе набуд,
Ки ёраст бо ӯ набард озмуд.

Сипоҳе хурӯшон*[1] ба дашти набард
Ҷуз аз шоҳашон ин далерӣ накард.

Нахоҳад магар Хусрави мӯбадон,
Ки бар мо бувад нанг то ҷовидон».

Бад-эшон чунин посух овард шоҳ,
Ки «Эй мӯбадони намояндароҳ.

Бидонед, к-ин Шеда рӯзи набард
Падарро надорад ба ҳомун ба мард.

Силеҳаш падар кард аз ҷодуӣ,
Зи кажживу ториву аз бадхуӣ.

Набошад силеҳи шумо коргар,
Бад-он ҷавшану хӯди пӯлод-бар.

Ҳамон аспаш аз дев дорад нажод,
Гироидани шеру тундии бод.*[2]

Касеро, ки Яздон надодаст фар,
Набошад-ш бо ҷанги ӯ пову сар.

Ҳамон бо шумо ӯ наёяд ба ҷанг,
Зи фарру нажоди худ ояд-ш нанг.

Набера Фаридуну пури Қубод,
Ду ҷангӣ бувад якдилу якниҳод.

Бисӯзам бад-ӯ тира ҷони падар-ш,
Чу Ковусро сӯхт ӯ бар писар-ш».

Саворону*[3] шерони Эронзамин
Ҳама шоҳро хонданд офарин.

1. М – саворае наёмад.
2. М-Ба дил ҳамчу шеру ба рафтан чу.
3. М- Далерону.

www.sattor.com

ПОСУХ ФИРИСТОДАНИ КАЙХУСРАВ АФРОСИЁБРО

Бифармуд, то Қорани некхоҳ
Шавад бозу посух гузорад зи шоҳ,

Ки «Ин кори мо дери душвор гашт,
Суханҳо зи андоза андаргузашт.

Ҳунарёфта марди ҷангӣ ба ҷанг
Наҷӯяд гаҳи размҷустан*[1] диранг.

Нахоҳам зи ту буми Турон, на ганҷ
Ки бар кас намонад сарои сипанҷ,[2]

Кунун то худованди хуршеду моҳ
Киро шод дорад бар ин размгоҳ.

Ба зӯри ҷаҳонофарин кирдгор,
Ба дайҳими Ковуси парвардгор,

Ки чандон намонам шуморо замон.
Ки бар гул вазад тундбоди хазон[3].

Бад-он хоста нест моро ниёз,
Ки аз ҷавру бедод омад фароз.

Киро пуштгармӣ зи Яздон бувад,
Ҳамеша дилу бахт хандон бувад.

Бару буму ганҷу сипоҳат марост,
Ҳамон тахту шаҳру кулоҳат марост

Пашанг омаду хост аз мо набард,
Зиреҳдор бо лашкару дору бард.

Сапедадамон ҳаст меҳмони ман,
Ба ханҷар бубинад сарафшони ман.

---

1. М – разм ҷандин.
2. И-б. 555 нест.
3. ТПЗМ – Дигар он ки гуфтӣ ту аз хоста
   Зи аспону аз ганҷи ороста.

www.sattor.com

Касеро набинам аз эронсипоҳ
Ки бо ӯ бигардад ба овардгоҳ.

Ману Шедаву дашту шамшери тез,
Барорам ба фарҷом аз ӯ растахез.

Гар эдун, ки пирӯз бошам ба ҷанг,
Насозам бар-ин сон фаровон диранг.

Мубориз хурӯшон кунем аз ду рӯй,
Зи хун дашт гардад пур аз рангу бӯй[1]

В-аз он пас ялонро ҳама ҳамгурӯҳ
Ба ҷанг андарорем бар сони кӯҳ.

Чу ин гуфта бошӣ, ба Шеда бигӯй,
Ки эй пурхирад меҳтари номҷӯй,

Ту эдар ба танҳо*[2] ба дом омадӣ,
На бар ҷустани нангу ном омадӣ.

На аз баҳри пайғоми Афросиёб,
Ки рӯзи бадат кард бар ту шитоб.

Ҷаҳондорат ангехт аз анҷуман,
Сутудонат эдар бувад, ҳам кафан.

Газанд оядат з-он сари бегазанд,
Ки аз тан буриданд чун гӯсфанд.

Бигиряд чунон зор бар ту падар,
Ки Ковус гиряд ҳаме бар писар.

Биёмад дамон Қоран аз назди шоҳ
Ба наздикии он дурафши сиёҳ.

---

1. Л- Пас аз б. 567 ин б. омада:
Бавижа, ки Рустам бувад пешрав,
Намонад бар ин буму бар хору хав.
2. М- Ба танҳо зи Турон.

www.sattor.com

Сухан ҳарчи бишнид, бо ӯ[1] бигуфт,
Ҳама ҳарчи буд ошкору[2] нуҳуфт.

Бишуд Шеда наздики Афросиёб,
Дилаш чун бар оташ ниҳода кабоб.

Ҳама ҳар чи дид ошкору нуҳуфт,
Ба пеши падар як ба як бозгуфт.[3]

Бишуд шоҳи туркон зи посух дижам,
Ғамӣ гашту барзад яке тез дам.

Аз он хоб, к-аз рӯзгори дароз
Бидиду зи ҳар кас ҳаме дошт роз.

Сараш гашт гардону дил пурниҳеб
Бидонист, к-омад ба тангӣ нишеб.

Бад-ӯ гуфт: «Фардо бад-ин размгоҳ
Зи афканда мӯрон наёбанд роҳ».

Сипаҳбад бад-ӯ*[4] гуфт, к-«Аз бомдод
Макун то ду рӯз, эй писар, ҷанг ёд.

Бад-ин разм бишкаст гӯӣ дилам,
Бар онам, ки дилро зи тан бугсилам».

Писар гуфт, к-«Эй шоҳи туркону Чин,
Дили хешро бад магардон чунин.

Чу хуршеди тобон барорад дурафш,
Дурахшон кунад рӯи чархи бунафш,

Ману Хусраву дашти овардгоҳ,
Барангезам аз шоҳ гарди сиёҳ.

1. И-вай.
2. ИМ – Намонд эч неку бад андар.
3. ИМ-б. 578 нест,
4. М-Ба Шеда чунин гуфт.

www.sattor.com

РАЗМИ КАЙХУСРАВ БО ШЕДА - ПИСАРИ АФРОСИЁБ

Чу равшан шуд он чодари лоҷвард,
Ҷаҳон шуд ба кирдори ёқути зард.

Нишаст аз бари аспи ҷангӣ Пашанг,
Зи боди ҷавонӣ сараш пур зи ҷанг.

Ба ҷавшан бипӯшид равшан бараш,
Зи оҳан кулоҳи каён бар сараш.

Дурафшаш яке турки ҷангӣ ба чанг
Хиромон биёмад ба сони паланг.*[1]

Чу омад ба наздики эронсипоҳ,
Яке номдоре бишуд назди шоҳ,

Ки омад саворе миёни ду саф,
Хурӯшону[2] ҷӯшону теғе ба каф[3].

Ҳамегӯяд он номвар тезчанг,
Ки бо шоҳ гӯед, к-омад Пашанг.[4]

Бихандид аз ӯ шоҳу хафтон бихост,
Дурафши*[5] бузурге[6] баровард рост.

Яке тарги румӣ ба сар барниҳод
Дурафшаш ба Руҳҳоми Гударз дод[7].

Ҳама лашкараш зору гирён шуданд,
Чу бар оташи тез бирён шуданд.

---

1. М- бад он дашти.
2. ИЛМ – Сарафрозу.
3. ТПЗ – Ту гӯӣ яке аждаҳои дижам
   Ҳаме сӯхт хоҳад ҷаҳонро ба дам.
4. И-б. 594 нест.
5. М-Дурафши.
6. ИЛ – дурафши бузургӣ.
7. И-б. 596.

www.sattor.com

Хурӯше баромад, ки «Эй шаҳрёр,
Ба оҳан тани пок ранҷа мадор.

Шаҳонро ҳама тахт будӣ нишаст,
Кӣ бар кин камар бар миёни ту баст?

Ки ҷуз хоки тира нишасташ мабод,
Ба ҳеч орзу кому дасташ мабод!

Сипаҳдор бо гурзу бо кабру хӯд
Ба лашкар*[1] фиристод чандин[2] дуруд,

Ки як тан начунбед[3] аз овардгоҳ,
Чапу рост, қалбу ҷаноҳи сипоҳ.

Набояд, ки ҷӯяд касе ҷангу ҷӯш,
Ба Руҳҳоми Гударз доред гӯш.[4]

Чу хуршед бар чарх гардад баланд,
Бубинед то бар кӣ ояд газанд.

Агар з-он ки пирӯз гардад Пашанг,
Зи Рустам биҷӯед сомони ҷанг.

Ҳама пеши ӯ бандафармон шавед,
Бад-он дард наздики дармон шавед.

Сипаҳро ки чун ӯ нигаҳбон бувад,
Ҳама чораи ҷанг осон бувад.[5]

Шумо ҳеч дилро мадоред танг,
Чунин аст оғозу фарҷоми ҷанг.

1. М- Бад эшон.
2. Л-чанде.
3. И- мачунбед.
4. И-Ҳама сӯи Гударз доранд хуш.
5. И-б. 605-607 нест.

www.sattor.com

Гаҳе бар фарозу гаҳе бар[1] нишеб,
Гаҳе шодмону гаҳе бо[2]*[3] ниҳеб».

Барангехт шабранги беҳзодро,
Ки андарнаваштӣ ба так бодро[4].

Миён баста бо найзаву хӯду кабр,
Ҳаме гарди наълаш[5] баромад ба абр.

Миёни ду саф Шеда ӯро бидид,
Яке боди сард аз ҷигар баркашид.

Бад-ӯ гуфт: «Пури Сиёвуш туӣ[6],
Хирадманду бедору хомуш туӣ.[7]

Набера сипаҳдори туронсипоҳ,
Ки сояд ҳаме тарг бар чарху моҳ.

Ҷуз онӣ, ки бар ту гумоне барад,
Ҷаҳондидае к-ӯ хирад парварад,

Ки гар мағз будит, бо холи хеш
Накардӣ чунин ҷангро даст пеш.

Агар ҷанг ҷӯӣ зи пеши сипоҳ
Бирав, дур бугзин яке ҷойгоҳ,

К-аз Эрону Турон набинанд кас,
Нахоҳем ёрону фарёдрас».

Чунин дод посух бад-ӯ шаҳрёр,
Ки «Эй шери дарранда дар корзор,

Манам доғдил пури он бегуноҳ
Сиёвуш, ки шуд кушта бар дасти шоҳ.

1. И-бо фароз асту гаҳ бо.
2. И-суд пеш асту гоҳе.
3. М –дар.
4. И-б. 610 нест.
5. И-аспаш.
6. ИЛМ – Сиёвахш рад.
7. ИЛМ- Туӣ, эй писандидаву пурхирад?

www.sattor.com

Бар ин дашт аз ин сон ба кин омадам,
На аз баҳри гоҳу нигин омадам.

Зи*[1] пеши падар чун биёростӣ,
Зи лашкар набарди маро хостӣ.

Маро хостӣ кас, набудӣ раво,
Ки пешат фиристодаме носазо.

Кунун орзу кун яке размгоҳ,
Ки бошад ба дур аз миёни сипоҳ».

Ниҳоданд паймон, ки аз ҳар ду рӯй
Ба ёрӣ наёяд касе киначӯй.

Ҳам инон, ки доранд бо мо дурафш,
Зи бад рӯзи эшон нагардад бунафш.

Бирафтанд ҳар ду зи лашкар ба дур,
Чунон чун шавад мард шодон ба сур.

Расиданд ҷое, ки шеру паланг
Бад-он шаххи беоб нанҳод чанг.

Биёбон, ки андархури разм буд,
Бад-он ҷойгаҳ марзи Хоразм буд.

Напаррид[2] бар осмонаш уқоб,
Аз он[3]*[4] баҳрае шахху баҳре сароб.

Ниҳоданд овардгоҳи бузург
Ду ҷангӣ ба кирдори дарранда[5] гург.

Саворон чу шерони ҷаста зи ғор,
Ки бошанд пурхашм рӯзи шикор.

1. М-Ба.
2. Л – надиданд.
3. Л-ӯ.
4. М-Аз ӯ.
5. ЛМ-аспу ду ҷангӣ, ба кирдори; И-аспу ду ҷангӣ ба сони.

www.sattor.com

Бигаштанд бо найзаҳои дароз
Чу хуршед тобанда гашт аз фароз.

Намонд эч бар найзаҳошон синон,
Пур аз об баргустувону инон.

Ба румиамуду ба шамшери тез*[1]
Бигаштанд бо якдигар пурситез.*[2]

Ҳаво шуд зи гарди*[3] саворон сиёҳ
Нагаштанд сер андар овардгоҳ.

Чу Шеда дилу зӯри Хусрав бидид,
Сиришкаш зи мижгон ба рух барчакид.

Бидонист, к-он фарраи эзадист,
Аз ӯ бар тани хеш бояд гирист.

Ҳамон аспаш аз ташнагӣ шуд ғамӣ
Ба нерӯи мард андаромад камӣ.

Чу з-ӯ танг шуд, бо дил*[4] андеша кард,
Ки гар шоҳро гӯям андар набард,

Биё то ба куштӣ пиёда шавем,
Зи хуну хай[5] оҳордода шавем.

Пиёда нагардад, ки ор оядаш,
Зи шоҳӣ тани хеш хор оядаш.

Бад-ин чора гар з-ӯ наёбам раҳо
Шавам бегумон дар дами аждаҳо.

Бад-ӯ гуфт: «Шоҳо ба теғу синон
Кунад ҳар касе ҷангу печад инон.

1. М- ба тиру ба теғ.
2. М-бедареғ.
3. М-Замин шуд зи хуни.
4. М – Чу дар монда шуд бо худ.
5. ЛМ- хай ҳар ду.

www.sattor.com

Пиёда беҳ ояд, ки ҷӯем ҷанг,
Ба кирдори шерон биёзем чанг».

Ҷаҳондор Хусрав ҳам андар замон
Бидонист андешаи бадгумон.

Би дил гуфт, к-ин шери бо зӯри[1] ҷанг
Набера Фаридуну пури Пашанг,

Гар осуда гардад, сар афшон кунад,
Басе шердилро хурӯшон кунад.

В-агар ман пиёда бигардам ба ҷанг,
Ба эрониён-бар кунад кор танг.

Бад-ӯ гуфт Руҳҳом, к-«Эй тоҷвар,
Бад-ин кор нангӣ магардон гуҳар.

Чу Хусрав пиёда кунад корзор,
Чӣ бояд бар ин дашт чандин савор?

Агар пой бар хок бояд ниҳод,
Ман аз тухми Кашвод дорам нажод,

Пиёда[2] шавам пеши ӯ размсоз,
Ту[3] шоҳи ҷаҳондору гарданфароз».

Ба Руҳҳом гуфт он замон шаҳрёр,
Ки «Эй меҳрбон паҳлавону савор,

Пашанги[4]*[5] диловар зи тухми Пашанг
Чунон дон, ки бо ту наёяд ба ҷанг.

Туро низ бо разми ӯ пой нест,
Зи туркон чунин лашкаророй нест[6].

---

1. ИЛ – зӯру.
2. ЛМ – ҳаме ман.
3. Л- На.
4. И- Наҳанги.
5. М- Чу шеда.
6. ТПИЛМ – Яке марди ҷангӣ Фаридуннажод
Ки чун ӯ диловар зи модар назод.

www.sattor.com

Набошад маро нанг рафтан ба ҷанг,
Пиёда бисозем ҷанги паланг.

В-аз он сӯ бари Шеда шуд тарҷумон,
Ки дурӣ гузин аз бади бадгумон.

Ҷуз аз бозгаштан туро рой нест,
Ки бо ҷанги Хусрав туро пой нест.

Ба ҳангом кардан зи душман гурез
Беҳ аз бо тани хеш кардан ситез».

Бад-он номвар тарҷумон Шеда гуфт,
Ки «Овози мардон нашояд нуҳуфт.

Чунон дон, ки то ман бубастам камар,
Ҳаме барфарозам ба хуршед сар.

Бад-ин зӯру ин фарраву дастбурд
Надидам ба овардгаҳ низ гурд.

Валекин сутудон маро аз гурез
Беҳ ояд чу гирам ба коре ситез.

Ҳам аз гардиши чарх барнагзарем,
Агар дидаи аждаҳо биспарем.

Гар эдар маро ҳуш бар дасти ӯст,
На душман зи ман боздорад, на дӯст,

Бидонистам ин зӯру мардӣ, ки чист,
Бар ин номвар фарраи эзадист.

Пиёда магар даст ёбам бар ӯй,
Ба пайкор хун андарорам ба ҷӯй»[1].

Чунин гуфт бо Шеда шоҳи ҷаҳон,
Ки «Эй номдор*[2] аз нажоди меҳон,

1. И-б. 668 нест.
2. М- номвар.

www.sattor.com

Зи тухми каён бегумон кас набуд,
Ки ҳаргиз пиёда набард озмуд.

Валекин туро гар чунин аст ком,
Зи коми ту ҳаргиз напечам лагом».

КУШТА ШУДАНИ ШЕДА БАР ДАСТИ ХУСРАВ

Фуруд омад аз пушти шабранг шоҳ,
Зи сар баргирифт он каёнӣ кулоҳ.

Ба Руҳҳом дод он гаронмоя асп,
Биёмад ба кирдори озаргушасп.

Чу аз дур дидаш пиёда Пашанг,
Фуруд омад аз асп ҷангӣ наҳанг[1].

Ба ҳомун чу пилон баровехтанд,
Ҳаме хок бо хун баромехтанд.

Чу Шеда бидид он бару бурзи шоҳ,
Ҳамон эзадӣ фарру он дастгоҳ,

Ҳаме ҷуст чора, ки ёбад*[2] раҳо,
Дили чорагар з-ин бисозад*[3] баҳо.

Чу огоҳ шуд Хусрав аз рози ӯй,
В-аз он нобароварда овози ӯй,

Ба зӯри ҷаонофарин кирдгор
Бизад даст Кайхусрави номдор.

Ба кирдори шере ки бар гӯри нар
Занад чангу гӯр[4] андарорад ба сар,

Гирифташ ба чап гардану рост пушт,
Баровsituée зад бар замин-бар дурушт.

1. И-б. 673, 674 нест.
2. М-Ҳаме хост, к-ояд магар з-ӯ.
3. М- Ки чун сар бишуд, тан надорад.
4. Л-дасту.

www.sattor.com

Ҳама мӯҳраи пушти ӯ ҳамчу най
Шуд аз дард резону бугсаст пай.

Яке теғи тез аз миён баркашид,
Саросар дили номвар бардарид.

Бар ӯ кард ҷавшан ҳама чок-чок,
Пас он гоҳ бар торакаш рехт[1] хок.

Ба Руҳҳом гуфт: «Ин бади ноҳамол
Далеру сабуксар*[2] маро буд хол.

Пас аз куштанаш меҳрубонӣ кунед,
Яке дахмаи хусравонӣ кунед.

Сарашро ба дибку ба мушку*[3] гулоб
Бишӯеду танро ба кофури ноб.

Ба гардан-ш- бар тавқи заррин ниҳед,
Кулаҳ бар сараш анбарогин ниҳед.

Нигаҳ кард пас тарҷумонаш зи роҳ,
Бидид он тани номбардор шоҳ,

Ки бо хун*[4] аз он рег бардоштанд,
Сӯи лашкари шоҳ бугзоштанд.

Биёмад хурӯшон ба наздики шоҳ,
Ки «Эй номвар, додгар подшоҳ.

Яке банда будам ман ӯро навон,
На ҷангӣ савореву на паҳлавон.

Ба ман-бар бубахшой, шоҳо, ба меҳр,
Ки аз ҷони ту шод бодо сипеҳр».

1. ИЛМ – ҳам рехт бар торак аз дард.
2. М- Пашанги диловар.
3. М- мушку абиру.
4. М- то чун.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Ончӣ дидӣ зи ман,
Ниёро бигӯй андар он анҷуман».

Дилу дидаи номдорон ба роҳ,
Ки Шеда кай ояд зи овардгоҳ.

Саворе дамон*[1] шуд ба он реги нарм,
Бараҳна сару дида пурхуни гарм.

Баровард пӯшида роз аз нуҳуфт,
Ҳама пеши солори туркон бигуфт.

Сипаҳдор[2] гашт аз ҷаҳон ноумед,
Биканд он чу кофур мӯи[3] сапед.

Ба сар барпароканд реги равон,
Зи лашкар бирафт, он ки буд паҳлавон.

Рухи шоҳи туркон[4] ҳар он кас, ки дид
Бар ӯ*[5] ҷомаву дил ҳама бардарид.

Хурӯше буд андар миёни сипоҳ,
Ки бихшоиш овард хуршеду моҳ.

Чунин гуфт бо мӯя Афросиёб,
К-аз ин пас на ором ҷӯям[6], на хоб.

Маро андар ин сӯг ёрӣ кунед,
Ҳама тан ба тан сӯгворӣ кунед.

Набинад сари теғи моро ниём,
На ҳаргиз бувам з-ин сипас шодком.

Бубандем доман як андар дигар,
Намонем аз Эронзамин буму бар.

1. М-ҳаме.
2. М- ҷаҳондор.
3. Л- риши.
4. И-Турон.
5. М- зи бар.
6. И-ёбам.

www.sattor.com

На мардум шумар, бал зи деву дада,
Диле*[1] к-ӯ набошад ба дард ожада.

Мабодо дар он дида-дар*[2] оби шарм,
Ки аз дарди мо нест пурхуни гарм.

Аз он моҳдидори ҷангисавор,
В-аз он сарвбун бар лаби ҷӯйбор,[3]

Ҳаме рехт аз дида хунин сиришк,
Зи дарде ки дармон надорад[4]*[5] пизишк,

Ҳама номдорони посухгузор
Забон баркушоданд бар шаҳрёр,

Ки «Ин додгар бар ту осон кунод,[6]
Дили бадсиголат ҳаросон кунод![7]

Зи мо низ як тан насозад диранг,
Шабу рӯз бар дарду кини Пашанг.

Сипаҳро ҳама дил хурӯшон кунем,
Ба овардгаҳ-бар сар афшон кунем.

Зи Хусрав набуд ҳеч монида*[8] чиз,
Кунун кина бар кина бифзуд низ.

Сипаҳ дилшикаста, пур аз дард шоҳ,
Хурӯшону ҷӯшон ҳама размхоҳ.

1. М- кас.
2. М- пур.
3. Л-б. 708 нест.
4. ЛМ – надонад.
5. М- надонад.
6. Л- кунад.
7. Л-Бадандешро дил ҳаросон кунад.
8. М- Зи Пирону Ҳумон набуд монда.

www.sattor.com

РАЗМИ ДУ ЛАШКАР БА АНБӮҲ

Чу хуршед барзад сар аз бурҷи*[1] гов,
Зи ҳомун баромад хурӯши чаков.

Табира баромад зи пардасарой,[2]
Ҳамон нолаи кӯс[3] бо каррной.

Зи гурдони шамшерзан даҳ ҳазор
Биёвард Ҷаҳн аз дари корзор.

Або сад ҳазор озмуда бурун
Забон пур зи дашному лаб пур зи хун.*[4]

Чу Хусрав бар он гуна бардидашон,*[5]
Бифармуд, то Қорани ковиён*[6]

Зи қалби сипоҳ андаромад чу кӯҳ
Або даҳ ҳазор озмуда гурӯҳ,*[7]

Сӯи ҷанг Густаҳми Нӯзар чу гард
Биёмад дамон бо дурафши набард.

Ҷаҳон шуд зи гарди саворон бунафш,
Замин пурсипоҳу ҳаво пурдурафш.

Биҷунбид Хусрав зи қалби сипоҳ,
Ҳам Афросиёб андар он размгоҳ.[8]

---

1. М- пушти.
2. И-ҳарду сарой.
3. И-ҳама нолаи бӯқ; Л-бӯқ.
3. ТПЗЛ – Биёмад ҷаҳонҷӯи ҷангӣ ба ҷанг
   Саворони туркон камонҳо ба чанг.
   Л – танҳо, б. 1 мавҷуд аст.
4. М-б. 719 нест.
5. М- бардид соз.
6. М- размсоз.
7. М- Аз ӯ гашт ҷавони диловар сутӯҳ.
8. ТПЗМ – Бипайваст ҷанге к-аз он сон нишон
   Надиданд гурдону гарданкашон.
   Бикуштанд чандон зи туронсипоҳ,
   Ки дарёи хун гашт овардгоҳ.

www.sattor.com

Чунин буд, то осмон тира гашт,
Ҳаме*[1] чашми ҷанговарон хира гашт.

Чу пирӯз шуд Қорани размзан,
Ба Ҷаҳни диловар даромад шикан.

Чу бар домани кӯҳ*[2] биншаст моҳ,
Ялон бозгаштанд аз овардгоҳ.

Аз эрониён шод шуд шаҳрёр,
Ки чира буданд андар он корзор.

Ҳама шаб ҳаме ҷангро сохтанд,
Ба хобу ба хӯрдан напардохтанд.

Чу барзад сар аз бурҷи харчанг ҳур,
Ҷаҳон шуд пур аз ҷангу оҳангу шӯр.

Сипоҳи ду кишвар кашиданд саф,
Ҳама ҷангро бар лаб оварда каф.

Сипаҳдори Эрон зи пушти сипоҳ
Бишуд дур бо кеҳтари некхоҳ.

Чу лахте биёмад, пиёда бибуд,
Ҷаҳонофаринро фаровон ситуд.

Бимолид рухро бар он тирахок,[3]
Чунин гуфт, к- «Эй довари додпок,

Ту донӣ, ки гар ман ситам дидаам,
Басе рӯзи бадро писандидаам.

Мукофот кун бадкунишро ба хун,
Ту бошӣ[4] ситамдидаро раҳнамун.

1. М- Ҳама.
2. М- тахти хуршед.
3. И- гармхок.
4. Л- бош ин.

www.sattor.com

В-аз он ҷойгаҳ бо дили пур зи ғам,
Пур аз кин сар аз тухмаи Зодшам

Биёмад хурӯшон ба қалби сипоҳ,
Ба сар барниҳод он хуҷаста кулоҳ.

Хурӯш омаду нолаи говдум,
Дами нои рӯину[1] рӯинахум.

В-аз он рӯй лашкар ба кирдори кӯҳ
Бирафтанд ҷӯшон гурӯҳогурӯҳ.

Сипоҳе ба кирдори дарёи об
Ба қалб-андарун Ҷаҳну Афросиёб.

Чу ҳарду сипоҳ андаромад зи ҷой,
Ту гуфтӣ, ки дорад дару дашт пой.

Сиях шуд зи гарди сипоҳ офтоб
Зи пайкони алмосу парри уқоб.

Зи бас нолаи бӯқу бонги сипоҳ,
Зи гурзи ялон[2]*[3] андар он размгоҳ

Ҳаме об гашт оҳану кӯҳу санг,
Ба дарё наҳангу ба ҳомун паланг.

Замин пур зи ҷӯшу ҳаво пурхурӯш,
Ҳизабри жиёнро бидаррид гӯш.

Ҷаҳон сар ба сар гуфтӣ Оҳарман аст,
Ба доман-бар аз остин*[4] душман аст.

Ба ҳар ҷой буд тӯда чун кӯҳ-кӯҳ
Зи гурдони Эрону Турон гурӯҳ.

1. И- Ҳама нои сарғину.
2. ИЛ- гарди сипоҳ.
3. М- бонги саворон.
4. М- Дигар осмон бар замин.

www.sattor.com

Ҳама рег хуну сару дасту пой,
Заминро ҳаме дил баромад зи ҷой.

Ҳама буму бар зери наъл-андарун,
Чу карбоси оҳордода ба хун.

В-аз он пас далерони Афросиёб
Бирафтанд бар сони киштӣ бар об.

Ба сандуқи пилон ниҳоданд рӯй,
Кучо новакандоз буд андар ӯй.

Ҳисоре буд аз пеши қалби сипоҳ,
Бароварда аз пилу барбаста роҳ.

Зи сандуқи пилон биборид тир,
Баромад хурӯшидани доругир.

Бирафтанд пилону найзаварон,
Ҳам аз қалби лашкар сипоҳи гарон.

Нигаҳ кард Афросиёб аз ду мил
Бар он лашкари гашну сандуқи пил.

Ҳама жандапилону лашкар биронд,
Ҷаҳон тира шуд, рӯшноӣ намонд.

Хурӯшид, к-«Эй номдорони ҷанг,
Чӣ доред бар хештан ҷой танг?

Ҳама монда бар пеши сандуқи пил,
Сипоҳ аст пайкор то чанд мил.

Зи қалбу зи сандуқ бартар кашед,
Сӯи маймана майсара баркашед.

Бифармуд, то Ҷаҳни размозмой
Шавад*[1] бо бузургони лашкар зи ҷой.

1. М-равад.

www.sattor.com

Барад даҳ ҳазор озмуда савор
Ҳама найзадор аз дари корзор.

Сӯи майсара шери ҷангинабард
Бишуд тез бо номдорони мард.

Чу Кайхусрав он разми туркон бидид,
Ки хуршед гашт аз ҷаҳон нопадид.

Сӯи номдорони худ кард рӯй,
Ки буданд гурдони пархошҷӯй.

Бифармуд, то бар сари[1] майсара
Битобанд чун офтоб аз бара.

Бирафтанд бо номвар даҳ ҳазор
Зиреҳдор бо гурзаи говсор.*[2]

Ба Шаммоҳи Сурӣ бифармуд шоҳ,
Ки аз номдорони эронсипоҳ

Гузин кун зи ҷанговарон даҳ ҳазор,
Ҷавонони гурд аз дари корзор.*[3]

Миёни ду саф теғҳо баркашед,
Абар кӯҳаи зин*[4] сар андаркашед.

Ду лашкар бар он сон баровехтанд,
Чунон шуд, ки гӯӣ баромехтанд.

Чакочок бархост аз ҳар ду рӯй,
Зи пархош хун андаромад ба ҷӯй.

Ба як сӯ кашиданд сандуқу пил,
Ҷаҳон шуд ба кирдори дарёи Нил.

1. Л- сӯи.
2. - Ҳама размҷӯёни найзагузор.
3. М-Зиреҳдору бо гурзаи говсор.
4. М- Мабинед касро.

www.sattor.com

Чу бархост гард аз чапу дасти рост,
Ҷаҳондор хафтони ҷангӣ бихост.

Бичунбид бо Рустам аз қалбгоҳ
Хурӯшону ҷӯшону лашкарпаноҳ.

775 Баромад хурӯшидани бӯқу кӯс
Ба як даст Хусрав, сипаҳдор Тус.

Биёрост*[1] бо коваёнӣ дурафш
Ҳама паҳлавонони зарринакафш.

Ба дарди дил аз ҷой бархостанд,
Чапи шоҳи Эрон биёростанд.

Сӯи росташ Рустами ҷангҷӯй,
Завора бародар-ш бинҳод рӯй.

Ҷаҳондида Гударзи Кашводагон,
Бузургони бисёру озодагон.

780 Бибуданд бар дасти Рустам ба пой,
Зараспу Манӯшони фархундарой.

Баромад зи овардгаҳ гирудор,
Набинад бар он гуна кас корзор.

Ҳама рег пурхаставу кушта буд,
Касонро*[2] кучо рӯз баргашта буд.

Зи бас кушта бар дашти овардгоҳ,
Паеро надиданд бар хок роҳ.

Биёбон ба кирдори Ҷайҳун зи хун
Яке бесару дигаре сарнагун.

785 Хурӯши саворону аспон зи дашт
Зи бонги табира ҳаме даргузашт.

1. М- Бирафтанд.
2. М- Касеро.

www.sattor.com

Дили кӯҳ гуфтӣ бидаррад ҳаме,
Замин бо саворон бипаррад ҳаме.

Сари бетанону тани бесарон,
Ҷарангидани[1] гурзҳои гарон.

Зи рахшидани ханҷару теғи тез
Ҳаме ҷуст хуршед роҳи гурез.

Ту гуфтӣ, ки абре баромад сиёҳ,
Биборид хун андар он размгоҳ.

Чу Фартус*[2] бар майсара шуд табоҳ
Ба дасти Фарибурзи Ковусшоҳ.

Ба дасти Манучеҳр бар маймана
Каҳило, ки сад пил буд яктана.

Яке боду абре дар он нимрӯз
Баромад, рухи ҳури гетифурӯз

Бипӯшиду рӯи замин тира гашт,
Ҳамон дида аз тирагӣ хира гашт.

Бад-он гаҳ ки шуд ҳур сӯи нишеб,
Дили шоҳи туркон биҷаст аз ниҳеб.

Зи ҷӯши саворони ҳар кишваре,
Зи ҳар марзу ҳар буму ҳар меҳтаре

Дигаргуна ҷавшан, дигаргун дурафш,
Ҷаҳоне шуда сурху зарду бунафш.

Нигаҳ кард Гарсеваз аз пушти шоҳ,
Ба ҷанг андаровард яксар сипоҳ.

Сипоҳе фиристод бар маймана,
Гаронмояву якдилу яктана.

1. ИЛ- чарангидани.
2. М –Харанҷос.

www.sattor.com

Сӯи майсара ҳамчунин лашкаре,*[1]
Пароканда ба ҳар сӯе меҳтаре.*[2]

Саворони шамшерзан чил ҳазор,
Гузида бузургони ханҷаргузор.

Чу Гарсеваз аз пушти лашкар бирафт,
Ба пеши бародар хиромид тафт.

Бародар чу рӯи бародар бидид,
Ба нерӯ шуду лашкар андаркашид.

Баромад зи лашкар деҳу дору гир,
Бипӯшид рӯи ҳаво парри[3] тир.

Чу хуршедро пушт торик шуд,
Ба дидори шаб рӯз наздик шуд.

Фиребанда Гарсевази бадниҳон
Биёмад ба пеши бародар навон,

Ки «Акнун зи гурдон кӣ ҷӯяд набард?
Замин пур зи хуну ҳаво пур зи гард.

Сипаҳ бозкаш чун шаб омад, бикӯш,
Ки акнун барояд зи туркон хурӯш.

Ту дар ҷанг бошӣ, сипаҳ дар гурез,
Макун бо тани хеш чандин ситез.

Дили шоҳи туркон пур аз хашму ҷӯш,
Зи тундӣ набудаш ба гуфтор гӯш.

Барангехт асп аз миёни сипоҳ,
Биёмад дамон то ба овардгоҳ[4].

1. М- лашкаре ҳамчунин.
2. М- Пароканда бар ҳар сӯе баҳри кин.
3. Л-пар зи; И- ҳаворо ба.
4. Л-Ба ҷанг андарун кинахоҳ.

www.sattor.com

Аз эрониён чанд номӣ бикушт,
Чу Хусрав бидид, андар омад ба пушт.

Ду шоҳу ду кишвар чунон кинадор[1],
Бирафтанд бо хормоя савор[2].

Надиданд Гарсевазу Ҷаҳн рӯй,
Ки ӯ пеши Хусрав шавад кинаҷӯй.

Инонаш гирифтанду бартофтанд,
Бад-он*[3] реги Омуй биштофтанд.

Чу ӯ бозгашт, Устуқило чу гард
Биёмад, ки бо шоҳ ҷӯяд набард.

Дамон шоҳ Ило чу ҷангипаланг,
Дигар Барзуило сарафрози ҷанг,

Ки он ҳар се тан кӯҳи хоро буданд,
Ҷафопешаву бемудоро буданд.

Чу он дид, шоҳ аз миёни гурӯҳ
Барангехт асп, андаромад чу кӯҳ.

Бизад найза бар Устуқилои гурд,
Зи зин баргирифташ, заминро супурд.[4]

Дамон шоҳ Ило ба пеши сипоҳ
Яке найза зад бар камарбанди шоҳ.

Набуд коргар найза бар ҷавшанаш,
На тарс омад андар дили равшанаш.

Чу Хусрав дилу зӯри ӯро бидид,
Сабук теғи тез аз миён баркашид,

1. И-кинахоҳ.
2. И-сипоҳ.
3. М-сӯи.
4. Л-б. 817-819 нест.

www.sattor.com

Бизад бар синонаш,[1] ба ду ним гашт,[2]
Дили Барзуило пур аз бим гашт[3].

Сабук Барзуило чу он захми шоҳ
Бидид он дилу зӯру он дастгоҳ.

Ба торикӣ-андар гурезон бирафт,
Ҳаме пӯст бар тан-ш гуфтӣ бикафт.

Сипаҳ чун бididанд он дастбурд,
Бар овардгаҳ-бар намонд эч гурд.

Бар Афросиёб ин сухан марг буд,
Куҷо кори носозу бебарг буд.[4]*[5]

Зи Турон саворон чу огаҳ шуданд,
Зи ҳамла ҳама дасткӯтаҳ шуданд.

Чу овардгаҳ хор бугзоштанд,
Бифармуд, то бонг бардоштанд,

Ки ин шермардӣ зи ранги шаб аст,
Маро бозгаштан зи ҷанги шаб аст.

Гар эдун, ки имрӯз якбора бод,
Туро ҷусту шодӣ туро дар кушод.[6]

Чу равшан шавад, рӯзи моро бубин,
Дурафши дилафрӯзи моро бубин.

Ҳама рӯи саҳро[7] чу дарё кунем,
Зи хуршеди тобон сурайё кунем.

Ду шоҳи ду лашкар чунон размсоз
Ба лашкаргаҳи хеш рафтанд боз.

---

1. ИЛ-миёнаш.
2. ИЛМ- кард.
3. ЛМ –кард.
4. Л-б. 827 нест; И-Куҷо пушти ҷавшан бад-эшон намуд.
5. М-Ки боист пушташ ба Хусрав намуд.
6. Л-дар андар кушод.
7. ИЛМ – Эрон.

www.sattor.com

ҲАЗИМАТ КАРДАНИ АФРОСИЁБ

Чу ниме зи тирашаб андар гузашт,
Сипеҳр аз бари гӯи гардон[1] бигашт.

Сипаҳдори Турон буна барниҳод,
Сипаҳро ҳама таргу ҷавшан бидод.

Талоя бифармуд, то даҳ ҳазор
Бувад турки баргустувонвар савор.

Чунин гуфт бо лашкар Афросиёб,
Ки чун ман гузар ёбам аз рӯи об,

Дамодам шумо аз пасам бугзаред*[2]
Ба Ҷайҳуну рӯзу шабон нашмаред.*[3]

Шаби тира бо лашкар Афросиёб
Гузар кард аз Омӯю бугзошт об.[4]

Ҳама рӯи кишвар ба бероҳу роҳ
Саропардаву хайма буд бесипоҳ.

Сапеда чу аз кӯҳсар бардамид,
Талоя сипаҳро ба ҳомун надид,

Биёмад ба мужда бари шаҳрёр,
Ки пардахта шуд шоҳ аз ин корзор[5].

Ҳама хайма бинему[6] пардасарой,
Зи душман саворе намонда[7]*[8] ба ҷой.

1. Л-кӯҳ лахте.
2. М-паси якдигар.
3. М-Зи Ҷайҳун ҳаме кард бояд гузар.
4. И-б. 840 нест.
5. И-б. 843 нест.
6. ИМ дашт хайма.
7. И-набинам.
8. М-набинӣ.

www.sattor.com

Чу бишнид Хусрав, дамон[1] шуд ба хок,
Ситоишкунон пеши додори[2] пок.

Ҳаме гуфт, к-«Эй равшани кирдгор,
Ҷаҳондору додору парвардгор,

Ту додӣ маро фарру дайҳиму зӯр,
Ту кардӣ дилу ҷони[3] бадхоҳ кӯр.

Зи гетӣ ситамкорароро*[4] дур дор,
Зи бимаш ҳамасола ранҷур дор!»

Чу хуршеди заррин сипар баргирифт,
Шаб он шаъри пирӯза бар[5] сар гирифт.

Ҷаҳондор[6] биншаст бар тахти оҷ,
Ба сар барниҳод он дилафрӯз[7] тоҷ.

Ситоишкунон*[8] пеши ӯ шуд сипоҳ,
Ки ҷовид бод ин сазовор гоҳ!

Шуд ин лашкар аз хоста бениёз,
Ки аз лашкари шоҳи Чин монд боз.

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки инат фусӯс,
Ки ӯ рафт бо лашкару бӯқу кӯс.

Шаби тира аз дасти озодагон
Бишуд номдоре чунин роягон.

Бад-эшон чунин гуфт бедоршоҳ,
Ки «Эй номдорони эронсипоҳ,

1. Л-равон.
2. Л-нёишкунон пеши яздони.
3. ИМ-чашми.
4. М-ситамкарда.
5. Л-чодари шаър дар.
6. И-Шаҳаншоҳ.
7. И-Шабафрӯз.
8. М-Ниёишкун он.

www.sattor.com

Чу душман бувад шоҳро, кушта беҳ,
Гар овора аз ҷанг баргашта беҳ.

Чу пирӯзгар додамон фарраҳӣ,
Бузургиву дайҳиму шоҳаншаҳӣ,

Зи гетӣ мар ӯро ситоиш кунед,
Шабу рӯз ӯро ниёиш кунед,

Ки онро, ки хоҳад кунад шӯрбахт,
Яке беҳунар барнишонад ба тахт.

Бар ин пурсишу ҷунбишу рой нест,
Ки бо доди ӯ бандаро пой нест.

Бибошем бад-ин размгаҳ панҷ рӯз,
Шашум рӯз ҳурмузди гетифурӯз,

Ба ҳафтум биронем з-эдар сипоҳ,
Ки ӯ кинфизоясту ман кинахоҳ.

Дар ин панҷ рӯз андар он размгоҳ
Ҳаме кушта ҷустанд аз эронсипоҳ,

Бишустанд эрониёнро зи гард,
Сазовори он куштагон дахма кард.

ФАТҲНОМА НАВИШТАНИ КАЙХУСРАВ БА КОВУС

Бифармуд, то пеши ӯ шуд дабир,
Биёвард қиртосу мушку абир.

Навиштанд нома ба Ковушоҳ,
Чунон чун сазо буд, аз он размгоҳ.

Сари нома кард офарини Худой,
Ситоиш ҳам ӯро, ҳам ӯ*[1] раҳнамой.

1. М-Ки ӯяст бар неку бад.

www.sattor.com

Дигар гуфт: «Шоҳи[1] ҷаҳонбони ман
Падарвор ларзанда бар ҷони ман.

Бузургиш бо кӯҳ пайваста бод
Дили бадсиголаш аз ӯ хаста бод!

Расидам зи Эрон ба реги Фараб,
Се ҷанги гарон карда шуд дар се шаб.

Шумори саворони Афросиёб
Набинад хирадманд ҳаргиз ба хоб.

Бурида чу сесад сари номдор,
Фиристодам инак бари шаҳрёр.

Бародар буду хешу пайванди ӯ,
Гиромӣ бузургону фарзанди ӯ.

В-аз он номдорон баста дувист,
Ки сад шер бо ҷанги ҳар як якест.

Ҳама ҷанг*[2] бар дашти Хоразм буд,
Зи чарх офарин бар чунон разм буд.

Бирафт ӯву мо аз пас-андар дамон
Гузаштем, то бар кӣ гардад замон,

Ниҳоданд бар нома мӯҳре зи мушк,
Аз он пас гузар кард бар реги хушк.

Бад-ин размгаҳ офарин бод гуфт,
Ҳамасола бо ахтари нек ҷуфт.

РАСИДАНИ АФРОСИЁБ БА ГАНГДИЖ

Чу аз разм баргашт Афросиёб,
Чу боди дамон тез бигзашт об.

1. Л-шоҳ он.
2. М-разм.

www.sattor.com

Сипаҳ дар сипоҳи Қарохон расид,
Ҳаме гуфт ҳар кас, ба ҷанг ончӣ дид.

Сипаҳдори туркон чӣ моя гирист,
Ҳар он кас, ки аз тухмаи ӯ бизист,

Зи баҳри гаронмоя фарзанди ӯй,
Бузургону хешону пайванди ӯй

Хурӯше баромад, ту гуфтӣ, ки абр
Ҳаме хун чаконад зи чашми ҳизабр.

Ҳаме будаш андар Бухоро диранг,
Ҳаме хост к-оянд шерон ба ҷанг.

Аз он пас аз он анҷуман он ки монд,
Бузургони бартарманиш пеш хонд.

Чу гаштанд пурмоягон анҷуман,
Зи лашкар ҳар он кас ки буд ройзан,

Забон баркушоданд бар шаҳрёр,
Ки бечора гаштанд аз он корзор,[1]

Ки аз лашкари мо бузургон ки буд,
Гузаштанду з-эшон дили мо шахуд.

Ҳамоно, ки аз сад намондаст бист,
Бар он рафтагон-бар бибояд гирист.

Кунун мо дил аз ганҷу фарзанди хеш
Гусистему чанде зи пайванди хеш.

Бар он рӯди Ҷайҳун яке размгоҳ
Бикардем з-он сон, ки фармуд шоҳ.

Зи бедонишӣ ончӣ омад ба рӯй,
Ту донӣ, ки шоҳиву мо чораҷӯй.

1. И-б. 887 нест.

www.sattor.com

Гар эдун, ки равшан шавад рои шоҳ,
Аз эдар ба Чоч андарорад сипоҳ[1].

Чу шоҳ андар ин кор фармон барад,
Зи Гулзарриюн низ ҳам бугзарад.

Бибошад ба ором ба Б-ҳиштганг,
Ки ҳам ҷои ҷанг асту ҷои диранг.

Бар ин барниҳоданд яксар сухун,
Касе рои дигар наяфканд бун.

Бирафтанд яксар ба Гулзарриюн,
Ҳама дида пуробу дил[2] пур зи хун.

Ба Гулзарриюн шоҳи туркон се рӯз
Бибуду баросуд[3] бо озу юз.

Бирафтанд аз он сӯй ба Б-ҳиштганг,
Ба ҷое набудаш фаровон диранг.

Яке ганг будаш ба сони биҳишт,
Гилаш мушки соро буду зар-ш[4] хишт.

Бад-он ҷойгаҳ шоду хандон бихуфт,
Ту гуфтӣ, ки бо эминӣ буд ҷуфт.

Сипаҳ хонд аз ҳар сӯе бекарон
Бузургону гарданкашу меҳтарон.

Маю гулшану бонги чангу рубоб,
Гулу маҷлису*[5] ратлу Афросиёб.

Ҳаме хӯрд май рӯзу шаб бо меҳон
Ба ҳар сӯ фиристод корогаҳон.[6]

1. ТПЗИ – Чу Кайхусрав ояд ба кинхостан,
Бибояд туро лашкар оростан.
2. ЛМ – рух.
3. И-биёсуд.
4. Л-мушксор омаду зарр.
5. М-сунбулу.
6. Л-б. 904 нест.

www.sattor.com

905 Ҳаме буд, то бар чӣ гардад замон,
Бад-ин ошкоро чӣ дорад ниҳон.*[1]

ГУЗАШТАНИ КАЙХУСРАВ БА ҶАЙҲУН

Чу Кайхусрав омад бад-он рӯи об,
Аз ӯ дур шуд хӯрду орому хоб.

Сипаҳ чун гузар кард аз он сӯи рӯд,
Фиристод аз он пас ба ҳар кас дуруд,

К-аз ин омадан кас мадоред бок
Бихоҳед моро зи Яздони пок.

Гаронмоя ганҷе ба дарвеш дод,
Касеро к-аз ӯ шод буд, беш дод.

910 В-аз он ҷо биёмад сӯи марзи Суғд,
Яке навҷаҳон дид ороми ҷуғд.[2]

Бубахшид ганҷе бар он шаҳр низ
Ҳаме хост, к-обод гардад ба чиз.

Ба ҳар манзиле зинҳорисавор
Ҳаме омаданди бари*[3] шаҳрёр.

В-аз он пас чу огоҳӣ омад ба шоҳ
Зи кирдори*[4] Афросиёбу сипоҳ,

Ки омад ба наздики ӯ Кокула,
Або лашкаре чун ҳизабри яла,

---

1. М- Пас аз б. 905 ин б. омада:
   Зи ҳар сӯй корогаҳе аз нуҳуфт,
   Ки оянда омад, якояк бигуфт,
   Ки Хусрав сипаҳро ба Ҷайҳун кашид,
   Баромад зи Ҷайҳун, ба ҳомун расид,
   Нигар, то чӣ бояд, сабук он бисоз,
   Ки ногоҳ лашкар барояд фароз.
2. Л-б. 910 нест.
2. ИЛ- ҷаҳондор.
3. М-сӯи.
4. М- Гангу зи.

www.sattor.com

Ки аз тухми Тур аст пуркину дард,
Биҷӯяд ҳама рӯзгори набард.

Фиристод баҳре зи гурдон ба Чоҷ
Ки ҷӯяд ҳаме тахти Эрону тоҷ.

Сипоҳе ба сӯи биёбон бузург
Фиристоду солори эшон Тувург.

Пазируфт аз он ҳар яке ҷанги шоҳ,
Ки бар номдорон бубанданд роҳ.

Сипаҳдор Кайхусрав он хор дошт,
Хирадро бар андеша солор дошт.

Сипоҳе ки аз Бардаву Ардабил
Биёмад, бифармуд, то хел- хел

Биёянду бар пеши ӯ бугзаранд,
Раду мӯбаду марзбон бишмаранд.

Бирафтанд солорашон Густаҳам,
Ки дар ҷанги шерон набудӣ дижам.

Дигар[1] гуфт, то лашкари Нимрӯз
Бирафтанд бо Рустами невсӯз.

Бифармуд, то бар ҳаюнони маст
Нишинанду гиранд аспон ба даст.

Бар он вожгуна ду лашкар дамон
Шабехун бароранд аз ногаҳон.

Бирафтанд ин ҳарду зебои тоҷ,
Яке дар биёбон, дигар сӯи Чоҷ[2].

Ба Суғд-андарун буд як моҳ шоҳ,
Ҳама Суғд шуд шоҳро некхоҳ.[3]

1. ИМ – Ҳаме.
2. Л-925, 926 нест.
3. И-б. 924-927 нест.

www.sattor.com

Сипаҳро дирам доду осуда кард,
Ҳаме ҷуст ҳангоми нангу набард.

Ҳар он кас, ки буд аз дари корзор,
Ки донист найрангу банди ҳисор,

Биёварду бо хештан ёр кард,
Сари бадкуниш пур зи тимор кард,

В-аз он ҷойгаҳ гардан афрохта,
Камар баставу ҷангро сохта.

Зи Суғду Кашонӣ сипаҳ баргирифт,
Ҷаҳоне бад-ӯ монда андар шигифт.

Хабар шуд ба туркон, ки омад сипоҳ
Ҷаҳонҷӯй Кайхусрави кинахоҳ.

Ҳама сӯи дижҳо ниҳоданд рӯй,
Ҷаҳон шуд пур аз ҷунбишу гуфтугӯй.

Ба лашкар чунин гуфт пас шаҳрёр,
Ки «Имрӯз чун шуд дигаргуна кор,*[1]

Зи туркон ҳар он кас, ки фармон кунанд,
Дил аз ҷангҷустан пушаймон кунанд.

Масозед ҷангу марезед хун,
Мабошед касро ба бад раҳнамун.

В-агар ҷанг ҷӯяд касе бо сипоҳ,
Дили кинадораш наёяд ба роҳ.

Шуморо ҳалол аст хун рехтан,
Ба ҳар ҷой тороҷу овехтан.

1. М- Ки акнун дигаргуна шуд корзор.

www.sattor.com

Хурӯше бaромaд зи эронсипоҳ,*[1]
Ниҳодaнд гaрдaн бa фaрмони шоҳ.[2]

Дaлерон бa дижҳо ниҳодaнд рӯй,
Бa ҳaр диж, ки будӣ яке номҷӯй.[3]

Шудӣ борaи диж[4] ҳaмон гоҳ пaст,
Нaмондӣ дижу низ ҷои[5] нишaст.

Ғулому пaрaстaндaву чорпой
Нaмондӣ бaду нек чизе бa ҷой.

Бaр ин гунa фaрсaнг сaд бaргузaшт,
Нa диж монд обод, нa кӯҳу нa дaшт.

Чу овaрд лaшкaр бa Гулзaрриюн,
Бa ҳaр сӯ бигaрдид бо роҳнaмун.

Ҷaҳон дид бaр сони боғи бaҳор,
Дaру дaшту кӯҳу зaмин пурнигор.

Ҳaмa кӯҳ нaхчиру ҳомун дaрaхт,
Ҷaҳон aз дaри мaрдумӣ некбaхт.

Тaлоя фиристоду корогоҳон
Бaд-он, то бидонaнд кори ниҳон.

---

1. М- пеши сипоҳ.
2. И-939, 940 нест;
   ТПЗМ – Бaр ӯ- дaр хуришҳо мaдоред тaнг,
   Мaдоред кину мaсозед ҷaнг.
   Бa Туронзaмин бaрниҳодaнд рӯй,
   Ҷaҳон шуд пур aз ғулғулу гуфтугӯй.
   Ҳaр он кaс, ки фaрмон бa ҷой овaрид,
   Сипоҳи шaҳaншaҳ бaд-ӯ нaнгaрид.
   Зи туркон кaс aз бими Афросиёб
   Лaби ташнa нaгзоштaндӣ бaр об.
   В-aгaр боз мондӣ, кaсе з-ин сипоҳ,
   Тaни бесaрaш ёфтaндӣ бa роҳ.
3. Л- ҷaнгҷӯй.
4. И-ӯ.
5. Дaр ӯ ҷойгоҳи.

www.sattor.com

Саропардаи шаҳрёри ҷавон
Кашиданд дар пеши оби равон.

Ҷаҳондор бар тахти заррин нишаст,
Худу номдорони хусравпараст,

Шабе кард ҷашне, ки то рӯзи пок
Ҳаме мурда бархост аз тирахок.

В-аз он сӯ ба Ганг-андар Афросиёб
Ба рахшанда рӯзу ба ҳангоми хоб

Ҳаме гуфт бо ҳар кӣ буд кордон
Бузургони бедору бисёрдон,

Ки «Акнун, ки душман ба болин расид,
Ба ганг-андарун чун тавон орамид?»

Ҳама баркушоданд гӯё забон,
Ки «Акнун, ки наздик шуд бадгумон,

Ҷуз аз ҷанг дигар набинем роҳ*[1],
Забунӣ на хуб асту чандин сипоҳ».*[2]

Бигуфтанд в-аз пеш бархостанд,
Ҳама шаб ҳаме лашкар оростанд.

РАЗМ КАРДАНИ КАЙХУСРАВ БОРИ ДИГАР БО АФРОСИЁБ

Сапедадамон гоҳи бонги хурӯс
Зи даргоҳ бархост овози[3] кӯс.

Сипоҳе биёмад ба ҳомун зи ганг,
Ки бар мӯру бар пашша шуд роҳ танг.

Чу омад ба наздики Гулзарриюн,
Замин шуд ба сони куҳи Бесутун.

1. М-мо.
2. М-мо.
3. ИЛ- овон.

www.sattor.com

Ҳаме лашкар омад се рӯзу се шаб,
Ҷаҳон шуд пурошӯбу[1] ҷангу ҷалаб.[2]

Кашиданд бар ҳафт фарсанг нах,
Фузун гашт мардум зи мӯру малах.

Чаҳорум сипаҳ баркашиданд саф,
Зи дарё баромад ба хуршед таф.

Сӯи маймана Ҷаҳни Афросиёб,
Куҷо найза бугзоштӣ з-офтоб.

Ба қалб-андар Афросиёбу радон,
Саворони гарданкашу бихрадон.

Сӯи майсара шери ҷангӣ Кабурд,
Або кордида саворони гурд.

Паси пушт Гарсевази кинахоҳ,
Ки дорад сипаҳро зи душман нигоҳ.

В-аз ин рӯй Кайхусрав аз қалбгоҳ
Ҳаме дошт чун кӯҳ пушти сипоҳ.

Чу Гударзу чун Туси Нӯзарнажод,
Манӯшону Хузони фаррухниҳод.

Чу Гургини Мелоду Густаҳми шер,
Ҳаҷиру чу Шедӯши гурди далер.

Фарибурзи Ковус бар маймана,
Сипоҳе ҳама якдилу яктана.

Манучеҳр бар майсара ҷой дошт,
Ки бо ҷанги мардон*[3] ҳаме пой дошт.

Ба пушти сипаҳ Геви Гударз буд,
Ки пушту нигаҳбони ҳар марз буд.

---

1. И-аз шӯру.
2. Л-салаб; И-шағаб.
3. М- дар ҷангӣ-ҷанги.

www.sattor.com

Замин кӯҳи оҳан шуд аз мехи наъл*[1]
Ҳама дашт дарё шуду наъл лаъл.

Ба сар бар зи[2] гарди сипаҳ абр баст,
Табира дили санги[3] хоро бихаст.[4]

Замин гашт ҷунбон чу абри сиёҳ,
Ту гуфтӣ ҳаме барнатобад сипоҳ.

Ҳаво гашт чун чодари обнӯс,
Ситора ғамӣ гашт з-овози кӯс.

Ҳама дашт мағзу сару дасту рой,
Ҳамоно набуд бар замин низ ҷой.

Ҳама наъли аспон сари кушта хаст,
Ҳама дашт бе тан сару пову даст.

Хирадманд мардум ба як сӯ шуданд,
Ду лашкар бар ин ҳарду хасту шуданд,

Ки гар як замон низ лашкар чунин
Бимонад бар ин дашт бо дарду кин,

Намонад яке з-ин саворон ба ҷой,
Ҳамоно сипеҳр андарояд зи пой.

Зи бас чок-чоки табарзину хӯд
Равонҳо ҳаме дод танро дуруд.

Чу Кайхусрав он печиши ҷанг дид,
Ҷаҳон бар дили хештан танг дид.

Биёмад ба як сӯ зи пушти сипоҳ,
Ба пеши ҷаҳондор шуд додхоҳ,

---

1. М- Ҳама оби дарё пур аз хун шуд.
2. И- пасу пеш.
3. И- кӯҳи.
4. И- шикаст.

www.sattor.com

Ки эй бартар аз дониши порсо[1].
Ҷаҳондор[2] бар подшо подшо.

Агар нестам ман ситамёфта,
Чу оҳан ба бӯта-дарун тофта,

Нахоҳам, ки пирӯз бошам ба ҷанг,
На бар додгар-бар кунам кор танг.

Бигуфт ину бар хок молид рӯй,
Ҷаҳон пур шуд аз нолаи зори ӯй.

Ҳамон гаҳ баромад яке бод сахт,
Ки бишкаст шодоб шохи дарахт.

Ҳаме хок бардошт аз размгоҳ,
Бизад бар руху чашми туронсипоҳ.[3]

Касе к-ӯ сар аз ҷанг бартофтӣ,
Чу Афросиёб огаҳӣ ёфтӣ,

Ба ханҷар буридӣ сарашро зи тан,
Ҷуз аз хоку регаш набудӣ кафан.

Чунин то сипеҳру замин тор шуд,
Фаровон зи туркон гирифтор шуд.

Биёмад*[4] шабу чодари мушкранг
Бипӯшид, то кас наёяд ба ҷанг.

Сипаҳ бозхонданд шоҳон зи дашт,
Чу рӯи замин з-осмон тира гашт.

Ҳама домани кӯҳ то пеши рӯд
Сипаҳ буд бо ҷавшану диръу хӯд.

---

1. И- донишу кимиё.
2. Л- ҷаҳондору.
3. ТПЗ – Ба гурдони Турон баромад шикаст,
   Яке хаста гашта, дигар баста даст.
4. М- Баромад.

www.sattor.com

Барафрӯхтанд оташ аз ҳар сӯе,
Талоя баромад зи ҳар паҳлӯе.

Ҳаме ҷангро сохт Афросиёб,
Ҳаме буд то чашмаи офтоб

Барояд, рухи кӯҳ рахшон кунад,
Замин чун нигини Бадахшон кунад.

Сарони саворон ба ҷанг оварад,
Бар он дашт-бар ному нанг оварад.[1]

Ҷаҳонофаринро дигар буд рой,
Ба ҳар кор бо рои ӯ нест пой.

ПАНОҲ ГИРИФТАНИ АФРОСИЁБ ДАР ГАНГБИҲИШТ

Шаби тира чун рӯи зангӣ сиёҳ
Кас омад зи Густаҳми Нӯзар ба шоҳ,

Ки «Шоҳи ҷаҳон ҷовидон зинда бод!
Ки мо бозгаштем пирӯзу шод.

Бад-он номдорони Афросиёб
Расидем ногаҳ ба ҳангоми хоб.

Аз эшон саворе талоя набуд,
Касеро зи андеша моя набуд.

Чу бедор гаштанд аз эшон сарон,
Кашиданд*[2] шамшеру гурзи гарон.

Чу шаб рӯз шуд, ҷуз Қарохон намонд,
Зи мардони эшон фаровон намонд.

Ҳама дашт аз эшон тани бесар аст,
Замин бистару хокашон чодар аст».

1. ИЛМ –б. 1001 нест.
2. М- кашидем.

www.sattor.com

Ба мужда зи Рустам ҳам андар замон
Ҳаюне биёмад сапедадамон,

Ки мо дар биёбон хабар ёфтем,
Бад-он огаҳӣ тез биштофтем.

Шабу рӯз Рустам яке доштӣ,
Ба тундӣ ҳаме роҳ бугзоштӣ.

Ҳам он ҷо*[1] расидем ҳангоми рӯз,
Чу барзад сар аз чарх гетифурӯз,

Таҳамтан камонро ба зеҳ барниҳод,
Чу наздик шуд, тарг бар сар ниҳод.

Нахустин, ки бар килк бинҳод шаст,[2]
Биёбон зи пайкори туркон бираст.

Ба Туронзамин шуд кунун кинахоҳ,
Ҳамоно ки огоҳӣ ояд ба шоҳ.

Ба шодӣ зи лашкар баромад хурӯш,
Сипаҳдори туркон ҳаме дошт гӯш.

Ҳар он кас, ки буданд хусравпараст,
Зи туркон бифармуд, то барнишаст[3].

Саворе биёмад ҳам андар шитоб
Хурӯшон ба наздики Афросиёб,

Ки «Аз лашкари мо Қарохон биҷаст,
Расидаст наздик бо мард шаст.

Сипоҳе ба Турон ниҳоданд рӯй,
К- аз эшон шавад нопадид оби ҷӯй».

1. М- Бад-эшон.
2. ИЛ-даст.
3. И-1018 нест.

www.sattor.com

Чунин гуфт бо ройзан шаҳрёр,
Ки «Пайкор сахт андаромад ба кор,*[1]

Чу Рустам бигирад сари гоҳи мо
Ба як борагӣ гум шавад роҳи мо.

Кунун ӯ гумонад, ки мо нашнавем,
Куҷо дар ғаму ранҷи*[2] Кайхусравем.

Чу оташ бар эшон шабехун кунем,
Зи хун рӯи ҳомун чу Ҷайҳун кунем.[3]

Саросар ҳама лашкар ин дид рой,
Ҳам он марди фарзонаи раҳнамой.

Буна ҳар чи будаш, ҳамон ҷо[4] бимонд,
Чу оташ аз он дашт лашкар биронд.

Ҳам он гаҳ талоя биёмад зи дашт,
Ки аз гарди лашкар ҳаво тира гашт.

Зи туркон чаҳон пок дидаш ҳама,
Хабар шуд ба наздики шоҳи рама.

Ҳама дашт хиргоҳу хайма-сту бас,
В-аз эшон ба хайма- дарун нест кас.[5]

Бидонист Хусрав, ки солори Чин
Чаро рафт бегоҳ аз дашти кин.

Зи Густаҳму Рустам хабар ёфтаст,
Бад-ин огаҳӣ тез биштофтаст.

Наванде барафканд ҳам дар замон,
Фиристод наздики Рустам дамон,

---

1. М- ин бор бахти бад омад.
2. М – Чунин к-аз дари ҷангӣ.
3. ТПЗИМ – Чу Кайхусрав ояд зи лашкар ду бахр,
Набинад магар бому девори шаҳр.
4. И- фаровон.
5. И-б. 1029-1030 нест.

www.sattor.com

Ки Баргашт аз ин гуна Афросиёб,
Ҳамоно ба ҷанги ту дорад шитоб.

Сипаҳро биёрою ожир бош,
Шабу рӯз бо таркашу тир бош.

Наванде ҷаҳондор шоиста буд,
Бад-он роҳи бероҳ боиста буд.[1]

Ҳаме рафт, чун пеши Рустам расид,
Гави шердилро миёнбаста дид.

Сипаҳ гурзҳо барниҳода ба дӯш,
Якояк ниҳоданд б-овоз гӯш.

Ба Рустам бигуфт, ончӣ пайғом буд,
Ки фарҷоми пайғомаш ором буд.

В-аз ин рӯй Кайхусрави кинаҷӯй
Нишаста ба ором бегуфтугӯй.

Ҳама бахш кард, ончӣ буд бар сипоҳ,
Саропардаву хайма, тахту кулоҳ.

Аз эрониён куштагонро биҷуст,
Кафан кард в-аз хуну гилшон бишуст.

Ба расми меҳон куштаро дахма кард,
Чу бардошт аз хоку хуни набард.

Буна барниҳоду сипаҳ барнишонд,
Дамон аз паси шоҳи туркон биронд.

Чу наздики шаҳр омад Афросиёб,
Бад-он буд, ки Рустам бувад серхоб.

Кунун ман шабехун кунам бар сараш,
Барорем гард аз дили лашкараш.

1. И-б. 1036 нест.

www.sattor.com

Ба торикӣ-андар талоя бидид,
Ба дашт-андар овози аспон шунид.

Фурӯ монд аз кори Рустам шигифт,
Ҳаме ронду андеша андаргирифт.

Ҳама кӯфта лашкару рехта,
Ба ширинравон-андар овехта.

Ба пеш-андарун Рустами тезчанг,
Паси пушт шоҳу саворони ҷанг.

Касеро, ки наздик буд пеш хонд
В-аз андешаи дил фаровон биронд.

Бипурсид, к-«Инро чӣ бинед рӯй»,
Чунин гуфт бо номвар номҷӯй,[1]

Ки «Ба Бҳиштганг он ҳама ганҷи шоҳ
Чӣ боист акнун чунин*[2] ранҷи роҳ.

Замин ҳашт фарсанг болои ӯй,
Ҳамоно ки чор аст паҳнои ӯй.

Зану кӯдаку марду чандин сипоҳ,
Туро ганҷу[3] бадхоҳро ранҷи роҳ.[4]*[5]

Бар он бораи диж напаррад уқоб,
Набинад касе он баландӣ ба хоб.

Хуриш ҳасту айвону ганҷу кулоҳ,
Бузургию фармону тахту сипоҳ.*[6]

Ҳамон бум, к-ӯро Биҳишт аст ном,
Ҳама ҷои шодиву орому ком.

---

1. ИЛ- чорачӯй.
2. М- ҳама.
3. Л- ранҷу.
4. Л-тоҷу гоҳ.
5. М- Бузургиву дармону тахту кулоҳ.
6. М- Туро ганҷу бадхоҳро ранҷи роҳ.

www.sattor.com

Ба ҳар гӯшае чашмаву обгир,
Ба болову паҳнои партоби тир.

Ҳаме мӯбад оварад аз Ҳинду Рум,
Биҳиште бароварда з-обод бум.

Ҳамоно ки з-он*[1] бора фарсанг бист,
Ҷаҳонбин бубинад,-*[2] ки бар дашт кист:

Туро з-ин ҷаҳон баҳра ҷанг асту бас,
Ба фарҷом гетӣ намонад ба кас.

Чу бишнид гуфторҳо шаҳрёр,
Хуш омад-шу эмин шуд аз рӯзгор.[3]

Биёмад дили шод ба Бҳиштганг
Або олату лашкару сози ҷанг.

Ҳаме гашт бар гирди он шорсон,
Ба дасте надид андар он хорсон.

Яке кох будаш сар андар ҳаво,
Баровардаи шоҳи фармонраво.

Ба айвон фуруд омаду бор дод,
Сипаҳро дирам доду динор дод.

Фиристод бар ҳар даре лашкаре,
Нигаҳбони ҳар кишваре меҳтаре.

Ба ҳар ҷой бар бора шуд дидбон,
Нигаҳбон ба рӯзу ба шаб посбон.

Раду мӯбадаш буд бар дасти рост,
Нависандаи номаро пеш хост.

1. М- Ҳамон низ ор.
2. М- Бубинанд осон.
3. ИЛ- корзор.

www.sattor.com

НОМАИ АФРОСИЁБ НАЗДИКИ ФАҒФУРИ ЧИН

Яке номае сӯи фағфури Чин
Навиштанд бо сад ҳазор офарин.

Чунин гуфт, к-аз гардиши рӯзгор
Наёмад маро баҳра ҷуз корзор.

Бипарвардам ӯро ки боист кушт.
Кунун гашт аз ӯ рӯзгорам дурушт.

Чу фағфури Чин гар биёяд, равост,
Ки бар дӯстияш*[1] равонам гувост.

В-агар худ наёяд, фиристад сипоҳ,
К-аз ин сӯ хиромад сӯи кинахоҳ.

Фиристода аз пеши Афросиёб
Ба Чин андаромад ба ҳангоми хоб.

Сарафроз фағфур бинвохташ,
Яке хуррамайвон бипардохташ.

В-аз он сӯ ба ганг-андар Афросиёб,
Баромад зи ором в-аз хӯрду хоб.

Ба девор аррода бар пой кард,
Ба бурҷ-андарун размро ҷой кард.

Бифармуд, то сангҳои гарон
Кашиданд бар бора афсунгарон.

Басе кордонони румӣ бихонд,
Сипоҳе ба девори диж барнишонд.

Баровард бедордил ҷосалиқ,
Бар он бора арродаву манҷаниқ.

Камонҳои чарху сипарҳои карг,
Ҳама бурҷҳо пур зи хафтону тарг.

1. М – меҳри ӯ бар.

www.sattor.com

Гурӯҳе зи оҳангарон ранҷа кард,
Зи пӯлод бар ҳар сӯе панҷа кард.

Бубастанд бар найзаҳои дароз,
Ки ҳар кас, ки рафтӣ бари диж фароз,

Бад-он ҷанги тез андаровехтӣ,
В-агарна зи диж зуд бугрехтӣ.

Ба ҳар кор[1] бо ҳар касе дод кард,
Сипаҳро дирам доду обод кард.

Ҳамон хӯду шамшеру баргустувон,
Сипарҳои чиниву тиру камон,

Бубахшид бар лашкараш бешумор,
Бавижа бад-он, к-ӯ кунад корзор.

Чу осуда шуд з-он, ба шодӣ нишаст,
Худу номдорони хусравпараст.

Паричеҳра ҳар рӯз сад чангзан
Ба шодӣ ба даргаҳ шудӣ анҷуман.*[2]

Шабу рӯз чун маҷлис оростӣ,
Суруди лаби турку май хостӣ.

Ҳаме дод ҳар рӯз ганҷе ба бод
Бар имрӯзу фардо наёмад-ш ёд.

Агар буданӣ буд, дилро ба ғам
Сазад, гар надорӣ, набошӣ дижам,

Ду ҳафта бад-ин гуна шодон бизист,
Кӣ донад, ки фардо дилафрӯз кист.

1. ИЛ – шаҳр.
2. М- Шудандӣ ба даргоҳи шоҳ анҷуман.

www.sattor.com

ОМАДАНИ КАЙХУСРАВ БА ПЕШИ ГАНГДИЖ

Севум ҳафта Кайхусрав омад ба ганг,
Шунид он ғави ною овои ҷанг.

Бихандиду баргашт гирди ҳисор,
Бимонд андар он гардиши рӯзгор.

Шигифт омадаш, к-ончунон ҷой дид,
Сипеҳри дилорой барпой дид.

Чунин гуфт «К-он, к-ӯ чунин бора кард,
На аз баҳри пайкор патёра кард.

Кӣ хуни сари шоҳи Эрон бирехт,
Зи мо дар чунин бора-андар гурехт.

Ба Рустам чунин гуфт, к-«Эй паҳлавон,
Сазад, гар бубинӣ ба равшанравон,

Ки бо мо ҷаҳондор Яздон чӣ кард
Зи хубиву[1] пирӯзӣ андар набард.

Бадеро куҷо ном буд бар бадӣ
Ба тундиву кажживу нобихрадӣ.

Гурезон шудаст ӯ зи мо дар ҳисор,
Бад-ин сон баросуда аз рӯзгор.

Баде, к-ӯ бадони ҷаҳонро сар аст,
Ба пирӣ расида кунун бадтар аст.

Бад-ин гар бидорам зи Яздон сипос,
Набояд ки шаб хуфта монам се пос*[2],

К-аз ӯяст пирӯзиву дастгоҳ,
Ҳам ӯ офаринандаи ҳуру моҳ».

Зи як сӯи он шорсон кӯҳ буд,
Зи пайкори лашкар беандӯҳ буд.

1. Л-хубӣ ба.
2. М-бошам.

www.sattor.com

Ба рӯи дигар рӯду оби равон,
Ки равшан шудӣ мардро з-ӯ равон.

Кашиданд бар дашт пардасарой,
Ба ҳар сӯи диж паҳлавоне ба пой.*[1]

Замин ҳафт фарсанг лашкар гирифт,
Зи лашкар замин даст бар сар гирифт.

Саропарда зад Рустам аз дасти рост,
Зи шоҳи ҷаҳондор лашкар бихост.

Ба чап-бар Фарибурзи Ковусу Тус,*[2]
Дурафши дилафрӯз бо бӯқу кӯс*[3]

Бирафтанду бастанд пардасарой,
Севум пури Гударз бугзид ҷой.[4]

Шаб омад, зи ҳар сӯ баромад хурӯш,
Замин*[5] гашт яксар пур аз ҷангу ҷӯш.

Заминро ҳаме дил баромад зи ҷой
Зи бас нолаи кӯсу шайпуру ной.

Чу хуршед бардошт аз чарх занг,
Бидаррид пероҳани мишкранг.

Нишаст аз бари аспи шабранг шоҳ
Биёмад, бигардид гирди сипоҳ.

Чунин гуфт бо Рустами пилтан,
Ки «Эй номвар меҳтари анҷуман,

Чунин дорам уммед, к-Афросиёб
Набинад ҷаҳон низ ҳаргиз ба хоб.

1. М-сӯ дурафши каёнӣ.
2. М- ковус буд.
3. М –Дилафрӯз бо бӯқу бо кӯс буд.
4. Л-Набарди адӯро бикарданд рой.
5. М- ҷаҳон.

www.sattor.com

Агар кушта, гар зинда ояд ба даст,
Бубинад сари теғи яздонпарст.

Бар онам, ки ӯро зи ҳар сӯ сипоҳ
Биёяд, ки ҳасташ чунин дастгоҳ.

Битарсанду аз тарс ёрӣ диҳанд,
На аз кину аз комгорӣ диҳанд.

Бикӯшем, то пеш аз он, к-ӯ сипоҳ
Биронад, бар ӯ-бар бигирем роҳ.

Ҳамон бораи диж фуруд оварем,
Ҳама сангу хокаш ба рӯд оварем.

Сипаҳро кунун рӯзи сахтӣ гузашт,
Ҳамон рӯзи ранҷ-андар ором гашт.

Чу душман ба девор гирад паноҳ,
Зи пайкору кинаш натарсад сипоҳ.

Шикастадил аст ӯ бар ин шорсон,
К-аз ин пас шавад бегумон хорсон.

Чу гуфтори Ковус ёд оварем,
Равонро ҳама сӯи дод оварем».[1]

Чунин*[2] гуфт, к-ин кина бо шоҳу нард
Замона напӯшад ба зангору гард.

Ба сони дарахте бувад тозабарг
Дил аз кини шоҳон натарсад зи марг.

Падар бар писар бугзаронад ба даст,
Чунин то шавад сол сад бор шаст[3].

1. И-б. 1129 нест.
2. Л-б. 1126-1132 нест.
3. М- Ки ӯ.

www.sattor.com

Падар бугзарад, кин бимонад ба ҷой,
Писар бошад он дардро раҳнамой».

Бузургон бар ӯ офарин хонданд,
Варо хусрави покдин хонданд,

Ки кини падар бар ту ояд ба сар,
Мабодӣ ба ҷуз шоду пирӯзгар!

ОМАДАНИ ҶАҲН БО ПАЙҒОМИ АФРОСИЁБ НАЗДИ КАЙХУСРАВ

Дигар рӯз чун хур баромад зи роғ,
Ниҳод аз бари чарх заррин чароғ,

Хурӯше баромад баланд аз ҳисор,
Пурандеша шуд з-он дили шаҳрёр.

Ҳамон гаҳ дари диж кушоданд боз,
Бараҳна шуд он рӯи пӯшида роз.

Биёмад зи диж Ҷаҳн бо даҳ савор
Хирадманду бодонишу моядор.

1140 Бишуд пеши даҳлези пардасарой,
Ҳаме буд бо номдорон ба пой.

Биёмад бари шоҳ салори бор,
Бигуфто, ки[1] «Ҷаҳн аст бо даҳ савор».

Шаҳаншоҳ биншаст бар тахти оҷ,
Ба сар барниҳод он дилафрӯз тоҷ.

В-аз он пас биёмад Манӯшони гурд,
Хирадёфта Ҷаҳнро пеш бурд.

Хирадманд чун назди*[2] Хусрав расид,
Шуд аз оби дида рухаш нопадид.

1. ИЛ- бигуфт он ки.
2. М- пеши.

www.sattor.com

Бимонд андар ӯ Ҷаҳни ҷангӣ шигифт,
Кулоҳи бузургӣ зи сар баргирифт.

Чу омад ба наздики тахташ фароз,
Бар ӯ офарин карду бурдаш намоз.

Чунин гуфт, к-«Эй номвар шаҳрёр,
Ҳамеша ҷаҳонро ба хубӣ[1] гузор.

Бару буми мо бар ту фархунда бод,
Дилу чашми бадхоҳи ту канда бод.

Ҳамеша бизӣ шоду яздонпраст,
Бар ин буми мо пеш густурда даст.

Хуҷаста нишастиву шод омадӣ,
Ҳама достонҳо ба некӣ задӣ.

Паёме гузорам зи Афросиёб,
Агар шоҳ аз ин барнагирад[2] шитоб».

Чу аз Ҷаҳн бишнид гуфтор шоҳ,
Бифармуд заррин яке зергоҳ.

Ниҳоданд зери хирадманд мард,
Нишасту паёми падар ёд кард.

Чунин гуфт бо шоҳ, к-«Афросиёб
Нишастаст бо дидагон пур зи об.

Нахустин дуруде расонам ба шоҳ,
Аз он доғдил шоҳи туронсипоҳ.

Зи Яздон сипосу бад-ӯям панох,
Ки фарзанди мо шуд бад-ин пойгоҳ[3].

1. ИЛ- шодӣ.
2. ИЛ- шоҳро з-он нагирад.
3. ТПЗМ - Ки лашкар кашад, шаҳрёрӣ кунад,
Бар ин чархи гардон саворӣ кунад.

www.sattor.com

Зи роҳи падар шоҳ то Кайқубод
Зи модар сӯи Тур дорад нажод.

Зи шоҳони гетӣ сарат бартар аст,
Ки тухми ту з-ин номвар гавҳар аст.

Ба абр-андарун тезпаррон уқоб,
Наҳанги диловар ба дарёи об.

Ҳама посбонони тахти туанд,
Даду дом шодон ба бахти туанд.

Бузургон, ки бо тоҷу бо афсаранд*[1]
Ба рӯи замин мар туро кеҳтаранд,

Шигифтам ман аз кори деви нажанд,
Ки ҳаргиз нахоҳад ба ман ҷуз газанд.

Бад-он меҳрбониву он ростӣ,
Чаро шуд дили ман сӯи костӣ?

Ки бар дасти ман пури Ковусшоҳ,
Сиёвахши[2] рад кушта шуд бегуноҳ.

Ҷигар хастаам з-ин сухан пур зи дард,
Нишаста ба як сӯй бе хобу[3] х(в)ард.

На ман куштам ӯро, ки нопок дев
Бибурд аз дилам тарси кайҳонхидев.

Замона варо буд, баҳона маро,
Ба ҷанг-андарун буд фасона маро.

Ту акнун хирадмандиву подшо,
Пазирандаи мардуми порсо.

Нигаҳ кун, ки то чанд шаҳри фарох
Пур аз боғу майдону айвону кох.

---

1. М- зеваранд.
2. Л-Сиёвуши.
3. И-аз хобу.

www.sattor.com

Шудаст андар ин киначустан хароб,
Бахона Сиёвахшу Афросиёб.

Ҳамон корзорӣ саворони ҷанг,
Ба тан ҳамчу пилу ба зӯри наҳанг,

Ки ҷуз коми шерон кафаншон набуд,
Сарон низ наздики таншон набуд.

Яке манзил андар биёбон намонд,
Ба кишвар ҷуз аз шаҳри вайрон намонд.

Ҷуз аз кинаву захми шамшери тез
Намонад зи мо ном то растахез.

Наёяд ҷаҳонофаринро писанд,
Ба фарҷом печон шавем аз газанд.

Агар ҷангҷӯӣ, ҳаме бегумон
Наёсояд аз кин дилат як замон.

Нигаҳ кун бад-ин гардиши рӯзгор,
Ҷуз ӯро макун бар дил омӯзгор,

Ки мо дар ҳисорему ҳомун туроcт,
Сари пур зи кин, дил пур аз хун туроcт.

Ҳаме ганг хонам, биҳишти ман аст,
Баровардаи буму кишти ман аст.

Ҳам эдар маро ганҷу эдар сипоҳ,
Ҳам эдар нигину ҳам эдар кулоҳ.

Ҳамин ҷои кишту ҳамин ҷои х(в)ард,
Ҳамин ҷои шерони рӯзи набард.

Туро гоҳи гармиву ҷӯшӣ гузашт,
Гулу лолаву рангу хушшӣ гузашт.

Зимистону сармо ба пеш-андар аст,
Ки бар найзаҳо гардад афсурда даст.

www.sattor.com

Бад-онам чу абр андарафканд чин,
Бад-ин буми мо рӯд гардад замин.[1]

Зи ҳар сӯ, ки хонам, биёяд сипоҳ,
Натобӣ ту бо[2] гардиши ҳуру моҳ.

В-ар эдун гумонӣ, ки бар корзор,
Туро бар диҳад гардиши рӯзгор,

Аз андеша гардун ҳаме бугзарад,
Зи ранҷи ту дигар касе бар х(в)арад.

Гар эдун, ки гӯӣ, ки туркони[3] Чин
Бигирам, занам осмон бар замин,

Ба шамшер бугзорам ин анҷуман,
Ба дасти ту оям гирифтор ман,

Мапиндор, к-ин низ нобуданист,
Насояд касе, к-ӯ на фарсуданист.[4]

Набера писар Хусрави Зодшам,
Зи пушти Фаридуну аз тухми Ҷам.

Маро дониши эзадӣ ҳасту фар,
Ҳамон чун сурушам яке ҳаст пар.

Чу танг андарояд маро рӯзгор,
Нахоҳад дилам панди омӯзгор,

Ба фармони Яздон ба ҳангоми хоб
Шавам чун ситора бари офтоб.

Ба дарёи Каймок[5] – бар бугзарам,
Супорам туро кишвару афсарам.[6]

1. И-б. 1174 нест.
2. И-аз.
3. Л-туркону.
4. ИЛ-Бисояд касе к-ӯ бифарсуданист.
5. ИЛ-Кимол.
6. И-лашкару кишварам.

www.sattor.com

Туро Гангдиж бошад оромгоҳ,
Набинад маро низ шаҳру[1] сипоҳ.

Чу ояд маро рӯзи кинхостан,
Ба пиронсар ин*[2] лашкар оростан,

Биёям, бихоҳам зи ту кини хеш,
Ба ҳар ҷой пайдо кунам дини хеш.

В-агар кина аз мағз берун кунӣ,
Ба меҳр-андарун[3] кишвар афсун кунӣ,

Кушоям дари ганҷу тоҷу камар,
Ҳамон ганҷи динору зарру гуҳар,

Ки Тури Фаридун зи Эраҷ ниҳод,*[4]
Ту бардору аз кин макун ҳеч[5] ёд.

В-агар Чину Мочин бигирӣ, равост,*[6]
Бар он рон ҳама коми дил, к-ат ҳавост.

Хуросону Мукронзамин пеши туст,
Маро шодмонӣ ба кам- беши туст.

Ба роҳе ки бугзашт Ковусшоҳ,
Фиристам-т чандон, ки хоҳӣ сипоҳ.

Ҳама лашкаратро тавонгар кунам,
Туро тахти заррину афсар кунам.

Туро пушт бошам ба ҳар корзор,
Ба ҳар анҷуман хонамат шаҳрёр.

Бигӯ ончи хоҳӣ, ҳама коми хеш,
Бубин аз пасу пеш анҷоми[7] хеш.

1. Л-шоҳу.
2. М-Бубин он замон.
3. ИЛ- андар ин.
4. М-ҳаргиз Фаридун ба Эраҷ надод.
5. ИЛ-низ.
6. М-Бад он рафт бояд, ки дилро.
7. Л-фарҷоми.

www.sattor.com

Гар аз панди ман сар бупечӣ ҳаме,
Ҳамон бо ниё кин биасечӣ ҳаме,

Чу ӯ бозгардад, биёрой ҷанг,
Манам сохта размро чун паланг».

ПОСУХ ДОДАНИ КАЙХУСРАВ ҶАҲНРО

Чу аз Ҷаҳн бишнид гуфтор[1] шоҳ,
Ҳаме кард хандон бар ӯ-бар[2] нигоҳ.

Ба посух чунин гуфт, к-«Эй номҷӯй,
Шунидем сар то сар ин гуфтугӯй.

Нахуст он ки кардӣ маро офарин,
Ҳамон бод бар тоҷу тахту нигин.

Дуруде ки додӣ зи Афросиёб,
Ту гуфтӣ,*[3] ки ӯ кард мижгон пуроб,

Шунидам ҳам он бод бар ту тоҷу тахт,
Мабодо магар шоду пирӯзбахт.

Ва дигар, ки кардӣ*[4] зи Яздон сипос,
Писанд аст бар шоҳи*[5] яздоншинос.

Зи шоҳони гетӣ дилафрӯзтар,
Писандидаву шоду пирӯзтар.

Маро дод Яздон ҳама, ҳарчи гуфт,
Ки бо ин ҳунарҳо хирад бод ҷуфт.

Туро чанд хоҳӣ сухан чарб[6] ҳаст,
Ба дил нестӣ поку яздонпараст.

1. Л-пайғом бишнид; ИМ- пайғом.
2. ИЛ-бад-ӯ дар.
3. М-Бигуфтӣ.
4. М-гуфтӣ.
5. М-ки бинам.
6. ИЛ – хуб.

www.sattor.com

Касе к-ӯ ба дониш тавонгар бувад,
Зи гуфтор кирдор беҳтар бувад.

Фаридуни фаррух ситора нагашт,
На аз хоки тира сараш*[1] баргузашт.

Ту гӯӣ,*[2] ки ман баршавам бар сипеҳр,
Бишустӣ бар ин гуна аз шарм чеҳр.

Дилат ҷодуиро сари моя гашт,
Сухан бар забонат чу пероя гашт.

Забон чарбгӯёву*[3] дил пурдурӯғ,
Бари марди доно нагирад фурӯғ.

Падаркуштаро шоҳи гетӣ махон,
Кунун, к-аз Сиёвуш намонд устухон.

Ҳамон модарамро зи парда ба роҳ
Кашидиву гаштӣ чунин кинахоҳ.

Маро низ нозода аз модарам,
Ҳаме оташ афрӯхтӣ бар сарам.

Ҳар он кас, ки буд пеши даргоҳи ту,
Бинафрид бар ҷони бероҳи ту,

Ки ҳаргиз ба гетӣ касе ин накард,
Зи шоҳону гурдону мардони мард,

Ки бар анҷуман-бар занеро кашон,
Супорад бузурге ба мардумкушон,

Ки то духтараш баччаро бифканад,
Зананда ҳаме тозиёна занад.

Хирадманд Пирон бад-он ҷо расид,
Бидид он ки ҳаргиз надиду шунид.

1. М-тане.
2. М- гуфти.
3. М-пур зи гуфтору.

www.sattor.com

Чунин буд фармони Яздони ман,
Сарафроз бошам ба ҳар анҷуман.

Газанду*[1] балои ту аз ман бигошт,
Ки бо ман замона яке роз дошт.

В-аз он пас, ки гаштам зи модар ҷудо,
Чунон чун бувад баччаи бебаҳо,

Ба назди шубонон фиристодиям,
Ба парварда шерони нар додиям.[2]

Чунин буд, то рӯз бар ман гузашт,
Маро андаровард Пирон зи дашт.

Ба пеши ту овард, кардӣ нигоҳ,
Ки ҳастам сазовори тахту кулоҳ.

Ба сони Сиёвуш сарамро зи тан
Бибурриву тан ҳам наёбад кафан.

Забони маро покяздон бубаст,
Ҳаме хира мондам ба ҷои нишаст.

Маро бедилу бехирад ёфтӣ,
Ба кирдори бад тез наштофтӣ.

Сиёвуш нигаҳ кун, ки аз ростӣ
Чӣ карду чӣ дидӣ аз ӯ костӣ?

Зи гетӣ паноҳи туро баргузид,
Чунон кард, к-аз номдорон сазид.

Зи баҳри ту бугзошт[3]*[4] тахту кулоҳ,
Биёмад ба гетӣ,[5] туро хонд шоҳ.

---

1. М- Ки Эзад.
2. ТПЗИ – Бузон дояву мешгова шубон,
На ороми рӯзу на хоби шабон.
3. И-бипардохт Эрону.
4. М- баҳрат бияндохт.
5. И- Тирон.

www.sattor.com

Вафо ҷусту[1] бугзошт он анҷуман,
Бад-он то нахониш паймоншикан.

Чу дидӣ бару гирдгоҳи[2] варо,
Бузургиву[3] гурдиву роҳи варо.

Биҷунбидат он гавҳари бад зи ҷой,
Бияфкандӣ он покдилро зи пой.

Сари тоҷдоре чунон арҷманд
Буридӣ ба сони[4] сари гӯсфанд.

Зи гоҳи Манучеҳр то ин замон
Набудӣ магар бадтану бадгумон?

Зи Тур андаромад зиён аз нахуст,
Куҷо бо падар дасти бадро бишуст.

Писар бар писар бугзарад ҳамчунин,
На роҳи бузургӣ, на оину дин.

Задӣ гардани Нӯзари тоҷдор,
Падар шоҳу аз тухмаи шаҳрёр.

Бародар-т Ағрирас он некхӯй,
Куҷо некномӣ будаш орзуй,[5]

Бикуштиву то будаӣ, бадтанӣ,
Ту бадгавҳару*[6] роҳ оҳарманӣ.

Касе к-ӯ бадиҳот гирад шумор,
Фузун ояд аз гардиши рӯзгор.

Ниҳолӣ ба дӯзах фиристодаӣ,
Ту гӯӣ на аз мардумон зодаӣ.

1. МИ – Ба аҳди ту.
2. П-гирдагоҳи.
3. ИЛ- сутугиву.
4. ЛМ – Буридед ҳам чун.
5. ТПЗ – Миёнаш ба ду нима кардӣ ба дард,
Касе бо бародар чунин бад накард.
6. М- Ба бадгавҳар аз роҳи оҳарманӣ.

www.sattor.com

Дигар он ки гуфтӣ, ки деви палид
Дилу роҳи[1] ман сӯи дӯзах[2] кашид.

Чунин буд[3] Заҳҳоку ҳам Ҷаммшед,
Чу шудшон дил аз некуӣ ноумед,

Ки моро дил Иблис бероҳ кард,
Зи ҳар некуӣ даст кӯтоҳ кард.

Набаргашт аз эшон бади рӯзгор
Зи бадгавҳару гуфти омӯзгор.

Касе к-ӯ битобад сар аз ростӣ,
Кажӣ гирадаш кору ҳам[4] костӣ.*[5]

Ба ҷанги Пашан низ чандон сипоҳ,
Ки Пирон бикушт андар он размгоҳ.[6]

Замин гил шуд аз хуни гударзиён,
Бияфзуд чандон зиён бар[7] зиён.*[8]

Кунун омадӣ бо ҳазорон ҳазор
Зи туркон савор аз дари корзор.

Ба Омуй лашкар кашидӣ ба ҷанг,
В-аз эшон ба пеши ман омад Пашанг.

Фиристодияш, то бибуррад сарам,
В-аз он пас ту*[9] вайрон кунӣ кишварам.

Ҷаҳондор Яздон маро ёр гашт,
Сари бахти душман нагунсор гашт.

---

1. ИЛ- рои.
2. Л-зиштӣ; И-пастӣ.
3. ИЛМ-ҳам ин гуфт.
4. И- Бубинад дилаш кажживу.
5. М- Бубинад ҳаме каттиву.
6. ИЛ- овардгоҳ.
7. Л- Наҷӯӣ ҷуз аз ранҷу; И-Наҷӯӣ магар роҳи рангу.
8. М-Нагӯӣ ҷуз аз ранҷу роҳи.
9. М-Биёиву.

www.sattor.com

Маро гӯӣ акнун, ки аз тахти ту
Дилафрӯзу[1] шодонам аз бахти ту.

Нигаҳ кун, ки то чун бувад боварам,
Чу кирдорҳои ту ёд оварам.

Аз ин пас маро ҷуз ба шамшери тез
Набошад сухан низ то растахез.

Бикӯшам ба нерӯи ганҷу сипоҳ,
Ба некахтару гардишу[2] ҳуру моҳ.

Ҳаме пеши Яздон бибошам ба пой,
Нахоҳам ба гетӣ ҷуз ӯ раҳнамой.

Магар, к-аз бадон пок гардад ҷаҳон,
Ба доду деҳиш ман бубандам миён.[3]

Ҷаҳонро ба доду деҳиш нав кунам,
Магар, к-аз бадон боғ бехав кунам.[4]

Сухан ҳарчи гуфтам, ниёро бигӯй,
Ки дар ҷанг чандин баҳона маҷӯй.

Яке тоҷ додаш забарҷаднигор,
Яке тавқи заррину ду гӯшвор».

Ҳамон гаҳ ки шуд Ҷаҳн пеши падар,
Бигуфт он суханҳо ҳама дар ба дар.

Барошуфт аз он посух Афросиёб,
Дилаш гашт пурдарду сар пуршитоб.

Бубахшид ганҷу дирам бар сипоҳ,
Ҳамон гурзу шамшеру хӯду кулоҳ.

---

1. И-шабу рӯз.
2. ИЛ- гардиши.
3. И-б. 1272.
4. ТПЗ – Бадандешро аз миён барканам,
Сари баднишонро беафсар кунам.

www.sattor.com

РАЗМИ КАЙХУСРАВ БО АФРОСИЁБ ВА ГИРИФТА ШУДАНИ ГАНГДИЖ

Шаби тира то сар зад аз чарх шед,
Бибуд кӯҳ чун пушти пили сапед.

Ҳаме лашкар ороcт Афросиёб,
Саворе зи туркон куҷо ёфт хоб.

Чу аз Ганг бархост овои кӯс,
Замин оҳанин шуд, ҳаво обнӯс.

Шаҳи номбардори*[1] некигумон
Нишаст аз бари зин сапедадамон.

Биёмад, бигардид гирди ҳисор,
Нигаҳ кард, то чун бувад[2] корзор,

Ба Рустам бифармуд, то ҳамчу кӯҳ
Биёмад ба як сӯи диж бо гурӯҳ.

Дигар сӯй[3] Густаҳми Нӯзар ба пой,
Се дигар[4] чу Гударзи фархундарой.

Ба сӯи чаҳорум шаҳи комгор[5],
Або пилу кӯсу набарда[6] савор.

Сипаҳро ҳама ҳар чи боист соз,
Бикарду биёмад сӯи тахт боз.*[7]

Ба лашкар бифармуд пас шаҳрёр
Яке канда кардан ба гирди ҳисор.

Бад-он кор ҳар кас, ки доно буданд,
Ба ҷанги диж-андар тавоно буданд,

1. М- Сари мӯбадон шоҳи.
2. ИЛ- кунад.
3. Л- зи як сӯш.
4. Л- дигар сӯ.
5. номдор.
6. И- кӯсу пилону чанде.
7. М- бари диэн фароз.

www.sattor.com

Чи аз Рум в-аз Чину аз Ҳиндувон,
Чи размозмуда зи ҳар сӯ гавон.

Ҳама гирди он шорсон чун наванд,
Бигаштанду ҷустанд ҳар гуна банд.

Ду найза ба боло яке канда кард,
Сипаҳро ба гирдаш пароканда кард.

Бад-он то шаби тира бе охтан[1]
Наёрад ба куштан касе[2] тохтан.

Дусад бора арродаву манҷаниқ
Ниҳод аз бараш ҳар сӯе ҷосалиқ.*[3]

Дусад чарх бар ҳар сӯе буд*[4] камон,
Зи девори диж чун сари бадгумон.

Падид омадӣ манҷаниқ аз бараш,
Чу жола ҳаме кӯфтӣ бар сараш.

Паси манҷаниқ-андарун румиён
Або чархҳо танг баста миён.

Дусад пил фармуд пас шаҳрёр
Кашидан сутунҳо ба пеши[5] ҳисор.

Яке кандае зери бора-дарун,
Ба канда[6] ниҳоданд зераш[7] сутун.

Пароканда[8] бар[9] чӯб нафти сиёҳ,
Бар он гуна фармуд найранг шоҳ.

---

1. ИЛМ – сохтан.
2. ЛМ-Наёяд зи туркон яке; И-Наёяд зи Туркон яке.
3. М- Дусад сохт аррода бар ҳар даре,
Дусад манҷаник аз паи лашкаре.
4. М- даре бо.
5. ЛМ – зи ҳар сӯ ба гирди.
6. Л-Биканду.
7. Л-з-ин сӯ.
8. ИЛ-Пас олуда.
9. И-дар.

www.sattor.com

Бар он чӯбҳо бора монад*[1] ба пой,
Бад-он чӯбҳо баргирифта зи ҷой.

Ба як сӯ-бар аз манҷаниқу зи тир
Рухи саркашон буд ҳамчун зарир.

Ба зер-андарун оташу нафту чӯб,
Зи бар гурзҳои гарон кӯҳкӯб.

Ба ҳар чорсӯ сохта*[2] корзор,
Чунон чун бувад сози ҷанги ҳисор.

Чу он карда шуд,*[3] шаҳрёри замин
Биёмад ба пеши ҷаҳонофарин.

Зи лашкар бишуд, то ба ҷои намоз
Або кирдгори ҷаҳон гуфт роз.

Абар хок чун мор печон зи кин
Ҳаме хонд бар кирдгор офарин,[4]

Ки ҳамвора пасту[5] баландӣ зи туст,
Ба ҳар сахтие ёрмандӣ зи туст.

Агар дод бинӣ ҳаме рои ман,
Магардон аз ин пойгаҳ пои ман.

Нагун кун сари ҷодувонро зи тахт,
Маро дор шодондилу некбахт.

Чу бардошт аз пеши Яздон сараш,
Ба ҷавшан бипӯшид равшан бараш.

Камар бар миён басту барҷаст зуд,
Ба ҷанг андаромад ба кирдори дуд.

1. М- монда.
2. М-сохт ин.
3. М-В-аз он ҷойгаҳ.
4. ИЛ-б. 1306, 1307 нест.
5. ИЛМ-кому.

www.sattor.com

Бифармуд, то сахт бар ҳар даре
Ба ҷанг андарояд гарон лашкаре.[1]*[2]

Бад-он чӯбу нафт оташ андарзаданд,
Зи баршон ҳаме санг бар сар заданд.

Зи бонги камонҳои чарху зи дуд[3]
Шуда рӯи хуршеди тобон кабуд.[4]

Зи арродаву манҷаниқу зи гард,
Замин нилгун шуд, ҳаво лоҷвард.

Хурӯшидани пилу бонги сарон,
Дурахшидани теғу гурзи гарон.

Ту гуфтӣ баровехт бо ҳуру[5] моҳ
Зи боридани тиру гарди сипоҳ.

Бар он гуна гашт осмон нопадид,
Куҷо чашми равшан ҷаҳонро надид.[6]

Зи нафти сияҳ чӯбҳо барфурӯхт,
Ба фармони Яздон чу ҳезум бисӯхт.

Нагунбора*[7] гуфтӣ, ки бардошт пой,
Ба кирдори кӯҳ андаромад зи ҷой.

В-аз он бора чанде зи туркон ба зер*[8]
Нагун андаромад ба кирдори шер,

Ки орад бад-ӯ шӯрбахтӣ ҷаҳон
Ба дом андарояд сараш ногаҳон.

---

1. И-б. 1313 нест.
2. М- Яке лашкаре.
3. И-тир.
4. И- чу қир.
5. ИЛ- шед.
6. ИМ-б. 1319 нест.
7. М- Ҳаме бора.
8. М- далер.

www.sattor.com

Баромад хурӯшидани корзор,
Ба пирӯзии лашкари шаҳрёр.

Сӯи рахнаи диж ниҳоданд рӯй,
Биёмад дамон Рустами ҷангҷӯй.[1]

Хабар шуд ҳамон гаҳ ба Афросиёб,
Куҷо бораи шорсон шуд хароб.

Пас Афросиёб андаромад чу гард,
Ба Ҷаҳну ба Гарсеваз овоз кард.

Ки «Бо бораи диж шуморо чӣ кор?
Сипаҳро зи шамшер бояд ҳисор.

Зи баҳри бару буму фарзанди хеш,
Ҳамон аз паи ганҷу пайванди хеш

Бубандед бо якдигар домано,
Мамонед бадхоҳ перомано!».

Зи туркон сипоҳе[2] ба кирдори кӯҳ
Бишуд сӯи рахна гурӯҳогурӯҳ[3].

Ба кирдори шерон баровехтанд,
Хурӯш аз дурӯя барангехтанд.

Саворони туркон ба кирдори бед
Навон гашта в-аз буму бар ноумед.

Ба Рустам бифармуд пас шаҳрёр,
Пиёда ҳар он кас, ки буд найзадор.

Ба*[4] пеш андарорад бар он рахнагоҳ,
Ҳам эдун пиёда ҳама кинахоҳ.

1. И-кинаҷӯй.
2. Л- Сипоҳе зи туркон.
3. Л- Бад-он рахна рафтанд гурдон гурӯҳ.
4. М- Ки.

www.sattor.com

Або таркашу теғу тиру сипар,
Ду даста пиёда*[1] паси найзавар.

Саворони ҷангӣ нигаҳдорашон,
Бад-он гаҳ ки шуд сахт пайкорашон.

Ба рахна даровард яксар сипоҳ
Чу шери жиён Рустами кинахоҳ.

Ба бора баромад ба кирдори гард,
Дурафши сияҳро нагунсор кард.

Нишони сипаҳдори Эрон бунафш
Бар он бора зад шерпайкар дурафш.

Ба пирӯзии шоҳи Эронсипоҳ
Баромад хурӯшидан аз размгоҳ.

Фаровон зи туронсипаҳ кушта шуд,
Сари бахти он кинавар гашта шуд.

Бад-он гаҳ[2] куҷо размашон шуд дурушт,
Ду тан Рустам овард з-эшон ба мушт.

Чу Гарсевазу Ҷаҳни размозмой,
Ки буд тахти Турон зи эшон ба пой.

Бародар яке буду фаррухписар,
Чунин омад аз шӯрбахтӣ ба сар.

Бад-он шорсон андаромад сипоҳ,
Чунон лашкари доғдил, кинахоҳ.

Ба тороҷу куштан ниҳоданд рӯй,
Баромад хурӯшидани ҳою ҳуй.

Зану кӯдакон бонг бардоштанд,
Ба эрониён ҷой бугзоштанд.

1. М- Савор истода.
2. Л- ҷо.

www.sattor.com

Чӣ моя зану кӯдаки норасид,
Ки зери паи пил шуд нопадид.

Ҳама шаҳри Турон гурезон чу бод,
Наёмад касеро бару бум ёд.

Ба зорӣ ҳама дидагон пур зи хун,
Шуда бахти гурдони туркон[1] нагун.

Зану ганҷу фарзанд гашта асир,
Зи гардун равон хаставу тан ба тир.

ГУРЕХТАНИ АФРОСИЁБ АЗ ГАНГ

Ба айвон баромад пас Афросиёб,
Пур аз хун дил аз дарду мижгон пуроб.

Бад-он бора баршуд, ки буд кохи ӯй,
Биёмад, сӯи шорсон кард рӯй.

Ду баҳра зи ҷанговарон кушта дид,
Дигар яксар аз ҷанг баргашта дид.

Хурӯши саворону бонги сарон,*[2]
Абар[3] пушти пилон табиразанон,

Ҳаме пил мар зиндагонро чу дид,*[4]
Ҳаме кардашон бар замин нопадид.*[5]

Ҳама шорсон дуду фарёд буд,*[6]
Ҳама оташу ғорату бод буд.*[7]

Яке шоду дигар пур аз дарду ранҷ,
Чунон аст расми[8] сарои сипанҷ.

1. ИЛМ – турон.
2. М- занон.
3. Л- ҳама аз.
4. М- бар зиндагон ронданд.
5. М- пушташон бар замин монданд.
6. М- дид.
7. М-дид.
8. И-кори; Л-Чунон чун бувад дар.

www.sattor.com

Чу Афросиёб он чунин дид кор,
Чунон ҳавлу*[1] баргаштани корзор,

На Ҷаҳну[2] бародар, на буму на бар,
На тахту на шоҳӣ, на ганҷу гуҳар.[3]*[4]

Ҳаме гуфт як дил пур аз доғу дард,
Ки чархи фалак хира бо мо чӣ кард.

Ба дида бидидам ҳамон рӯзгор,
Ки омад маро куштану марг хор.

Пур аз дард аз он бора омад фуруд,
Ҳаме дод тахти меҳиро дуруд.

Ҳаме гуфт кай бинамат низ боз
Або рӯзи хушшиву орому ноз.

В-аз он ҷойгаҳ хира шуд нопадид,
Ҳушу рои ӯ ҳамчу мурғон парид.

Дар айвон, ки дар диж бароварда буд,
Яке роҳ зери замин карда буд,

Ки аз лашкараш кас на огоҳ буд,
Ки зери диж-андар чунон роҳ буд.

Аз он номдорон дусад баргузид,
Бад-он роҳ бероҳ[5] шуд нопадид.

В-аз он ҷо биёмад,[6] биёбон гирифт,
Ҳама кишвараш монда андар шигифт.

Нишоне надодаш кас андар ҷаҳон,
Бад-он гуна овора шуд ногаҳон.

---

1. М- маргу.
2. И- пуру.
3. ИЛ- тоҷу камар.
4. М- тахту камар.
5. И-Бар он роҳ ногоҳ.
6. И-он рӯй роҳи.

www.sattor.com

Чу Кайхусрав омад ба айвони ӯй,
Ба пой андаровард кайвони ӯй.

Абар тахти заррин-ш биншаст шоҳ,
Або паҳлавонони зарринкулоҳ.*[1]

Фаровон бичустанду ҷое нишон
Наёмад зи солори гарданкашон.

Зи Гарсевазу Ҷаҳн пурсид шоҳ
Зи кори сипаҳдори туронсипоҳ,[2]

Ки «Чун рафту оромгоҳаш куҷост,
Ниҳон гашт аз эдар, паноҳаш куҷост?»[3].

Зи ҳар гуна гуфтанд, Хусрав шунид,
Наёмад ҳаме з-ӯ нишоне падид.

Ба эрониён гуфт пирӯзшоҳ,
Ки «Душман чу овора гардад зи гоҳ,

Зи гетӣ бар ӯ ному ком андакест,
Варо марг бо зиндагонӣ якест».

ЗИНҲОР ДОДАНИ ХУСРАВ ХЕШОНИ АФРОСИЁБРО

Зи лашкар гузин кард пас бихрадон,
Ҷаҳондидаву коркарда радон.

Бад-эшон чунин гуфт, к-«Обод бод
Шуморо тану дил пур аз дод бод!

Дари[4] ганҷи*[5] он турки шӯридабахт
Супурдам шуморо, бикӯшед сахт.

---

1. М-Ба ҷустан-ш бар кард ҳар сӯ сипоҳ.
2. Л-Ки чун шуд, куҷо ҷуст ором гоҳ.
3. Л-б. 1377 нест.
4. И-дижу.
5. М- Дари кохи.

www.sattor.com

Набояд, ки бар кохи Афросиёб
Битобад зи чархи барин офтоб.

Ҳам овози пӯшидарӯёни ӯй
Нахоҳам, ки ояд зи айвон*[1] ба кӯй.

Нигаҳбон фиристод сӯи гала,
Ки буданд гирди диж андар яла.

Зи хешони ӯ кас[2] наёзурд шоҳ,
Чунон чун бувад[3] дархури пешгоҳ.

Чу з-он гуна диданд кирдори ӯй,
Сипаҳ шуд саросар пур аз гуфтугӯй,

Ки Кайхусрав эдар бад-он сон шудаст,
Ки гӯӣ бари боб меҳмон шудаст.

Ҳаме ёд нояд-ш хуни падар,
Бурида ба ханҷар*[4] ба бедод сар.

Ҳамон модарашро, ки аз тахтгоҳ
Бараҳна[5] ба як сӯ кашидаш ба роҳ.

Шубонпарваридаст в-аз гӯсфанд
Мазидаст шир ин шаҳи бегазанд.

Чаро чун палангон ба чанголи тез
Наангезад аз хони ӯ растахез.

Фуруд оварад коху айвони ӯй,
Барангезад оташ зи хешони ӯй?

Зи гуфтори эрониён пас хабар
Ба Кайхусрав омад ҳама дар ба дар.

1. М-парда.
2. И-хешон касеро.
3. И-буд андар.
4. М-Ба хира бурида.
5. ЛМ – зи парда.

www.sattor.com

Фиристод кас, бихрадонро бихонд,
Басе достон пеши эшон биронд,

Ки «Ҳар ҷой тундӣ набояд намуд,
Сари бехирадро нашояд ситуд.

Ҳамон беҳ, ки бо кина дод оварем,
Ба ком-андарун ном ёд оварем,

Ки ном*[1] аст андар ҷаҳон ёдгор,
Бимонад ба кас ҷовидон-рӯзгор.*[2]

Ҳамин чархи гарданда бо ҳар касе
Тавонад ҷафо густаридан басе».

В-аз он пас бифармуд шоҳи ҷаҳон
Ки оред пӯшидагонро[3] ниҳон.

Ҳама духти шоҳону пӯшидарӯй
Касе к-ӯ наёмад зи парда ба кӯй.

Чу эрониён огаҳӣ ёфтанд,
Пур аз кин сӯи кох биштофтанд.

Бар он гуна бурданд гурдон гумон,
Ки Хусрав сар орад бар эшон замон.

Ба хорӣ ҳаме бурдашон хостанд,
Ба тороҷу куштан[4] биёростанд.

Зи айвон баромад ба зорӣ хурӯш,
Ки «Эй додгар, шоҳи[5] бисёрҳуш,

Ту донӣ, ки мо сахт бечораем,
На бар ҷои хориву пайғораем.

1. М- Нек.
2. М –Намонад ба кас ҷовидон рӯзгор.
3. Л- оранд пӯшидарӯён.
4. И- тороҷ кардан.
5. Л-марди.

www.sattor.com

Бари шоҳ шуд меҳтари бонувон
Або духтарон андаромад навон.

Парастанда сад пеши ҳар духтаре
Зи ёқут бар ҳар саре афсаре.

Чу хуршеди тобон аз эшон гуҳар
Бар ӯ бофта ҷомаҳое ба зар.

Ҳамон ҷоми заррин гирифта ба даст,
Ҳама дил зи бими шаҳаншоҳ паст.

Пур аз мушку*[1] ёқуту зарру*[2] гуҳар
Ба пеш-андар афканда аз шарм сар.

Ба як даст миҷмар, ба як даст ҷом,
Барафрӯхта анбару уди хом.

Ту гуфтӣ, ки кайвон зи чархи барин
Ситора фишонад ҳаме бар замин.

Сари*[3] бонувон шуд ба наздики тахт,
Абар шаҳрёр офарин кард сахт.

Ҳама духти парвардагонаш[4] ба ноз
Бар ин гуна бурданд пешаш намоз.[5]

Касе к-ӯ бияфтад зи кому зи*[6] ноз
Бар ӯ-бар бубахшой рӯзи ниёз.

Ҳаме хонданд офарине бадард,
Ки «Эй некпай хусрави родмард,

Чӣ неку будӣ гар зи Туронзамин
Набудӣ ба дил-т-андарун дарду кин.

---

1. М-дурру.
2. М- мушку.
3. М-Маҳи.
4. ЛМ – Ҳамон парварида бутони.
5. ТПЗИ – Ҳама яксара зор бигристанд,
   Бад-он шӯрбахтӣ ҳаме зистанд.
6. М- Набинад ҷуз аз кам.

www.sattor.com

Ту эдар ба ҷашну хиром омадӣ,
Зи шоҳон дуруду паём омадӣ.

Бар ин бум шоҳиву ҳам кадхудой,
Ба тахти каӣ гирд карда ду*[1] пой.

Сиёвуш нагаштӣ ба хира табоҳ,
Валекин чунин гашт хуршеду моҳ.

Чунон кард бадгавҳар Афросиёб,
Ки пеши ту пӯзиш набинад ба хоб.

Ҳаме додамаш панду суде надошт,
Ба хира ҳаме сар зи пандам бигошт.

Гувоҳи ман аст офаринандаам,
Ки борид хун аз ду бинандаам.

Дигар бар замин Ҷаҳн пайванди ту,
Ки соядн ба зорӣ ҳаме банди ту,[2]

Зи баҳри Сиёвахш дар хони ман
Чи тимор буд бар дилу ҷони ман,

Ки Афросиёб он бадандеш мард
Басе панд бишниду судаш накард.

Бад-он то чунин рӯзаш ояд ба сар,
Шавад*[3] подшоҳиш зеру забар.

Ба тороҷ дода кулоҳу камар,
Шуда рӯз тору нагун гашта сар.

Чунин зиндагӣ бадтар аз марги ӯст,
Замона бидаррид бар тан-ш*[4] пӯст.

1. М- Ниё барниҳад ту.
2. Л-б. 1426 нест.
3. М – Шуда.
4. М- Шигифт он ки дар тан надаррид-ш пӯст.

www.sattor.com

Кунун аз раҳи бегуноҳон ба мо
Нигаҳ кун бар оини шоҳон ба мо.

Ҳама пок пайвастаи хусравем,
Ҷуз аз номи ӯ дар ҷаҳон нашнавем.

Ба бад кардану ҷоду Афросиёб
Нагирад бар ин бегуноҳон шитоб.

Ба хориву захму ба хунрехтан
Чӣ ёбӣ гунаҳ[1] хира овехтан?

Ки аз шаҳрёрон сазовор нест
Буридан саре, к-ӯ гунаҳгор нест.

Туро, шаҳрёро, ҷуз ин аст ҷой,
Намонад кас андар*[2] сипанҷӣ сарой.

Ҳамон кун, ки пурсад зи ту кирдгор,
Напечӣ сар аз шарм рӯзи шумор».

Чу бишнид Хусрав, бупечид сахт
Бар он хубрӯёни баргаштабахт.

Аз он дарди пӯшидарӯёну доғ
Шуда лаъли рухсорагон чун чароғ.

Бупечид дил бихрадонро зи дард,
Зи фарзанду зан[3] ҳар касе ёд кард.

Ҳама хонданд офарини бузург
Сарони сипаҳ, меҳтарони сутург,

К-аз эшон шаҳи номбардор кин
Нахоҳад зи баҳри ҷаҳонофарин.

Чунин гуфт Кайхусрави ҳушманд
Ки «Ҳар чиз, к-он нест моро писанд,

1. Л-бар бегунаҳ.
2. М- Касе.
3. Л- фарзанди худ.

www.sattor.com

Наёрам касеро ҳамон бад ба рӯй,
В-агарчанд бошад дилам киначӯй.

Чу аз кори он номдори баланд
Барандешам, онам*[1] наёяд писанд,

Ки бад кард бо пурҳунар модарам,
Касеро ҳамон бад ба сар н-оварам.

Бифармудашон бозгаштан ба ҷой
Чунон покзода ҷаҳонкадхудой.

Бад-эшон чунин гуфт, к-«Эмин шавед,
Зи гӯянда гуфтори ман бишнавед,

К-аз ин пас шуморо зи ман бим нест,
Маро бевафоӣ чу дижхим нест.

Тани хешро бад нахоҳад касе,
Чу хоҳад, замонаш набошад басе.

Бибошед эмин ба айвони хеш,
Ба Яздон супурда тану ҷони хеш.

ПАНД ДОДАНИ КАЙХУСРАВ ЭРОНИЁНРО

Ба эрониён гуфт: «Пирӯз бахт
Ба мо дод буму бару*[2] тоҷу тахт.

Ҳама шаҳри Турон гирифта ба даст,
Чу[3] Эрон шуморо сарои[4] нишаст.

Зи дилҳо ҳама кина берун кунед,
Ба меҳр андар ин кишвар афсун кунед,

1. М- инам.
2. М – Бимонод то ҷовидон.
3. ИЛ- Ба.
4. Л-сарову.

www.sattor.com

Ки аз мо чунин тарсашон дар дил аст,
Зи хунрехтан гирди кишвар гил аст.[1]

Ҳама ганҷи Турон шуморо диҳам,
На з-он бар шумо-бар сипосе ниҳам.

Бикӯшеду хубӣ ба кор оваред,
Чу дидед сармо, баҳор оваред.

Ман ин лашкарамро якояк зи дер[2]
Кунам яксар аз ганҷу динор сер.

Зи хунрехтан даст бояд кашид,
Сари бегуноҳон набояд бурид.

На мардӣ бувад хира ошуфтан,
Базерандаровардаро кӯфтан.

Зи пӯшидарӯён бупечед рӯй,
Ҳар он кас, ки пӯшида дорад ба кӯй.

Зи чизи касон сар бупечед низ,
Ки душман шавад дӯст аз баҳри чиз.

Наёяд ҷаҳонофаринро писанд,
Ки ҷӯянд бар бегуноҳон газанд.

Ҳар он кас, ки ҷӯяд ҳаме рои ман
Набояд, ки вайрон кунад ҷои ман.[3]

Ва дигар, ки хонанд бедоду шум,
Ки вайро кунад меҳтар обод бум.

В-аз он пас ба лашкар бифармуд шоҳ
Кушодан дари ганҷи туронсипоҳ.

---

1. ТПЗИ – Ба ҳар кор чарбӣ бибояд нахуст,
   Набояд ба оғоз пайкор чуст.
2. ИЛ – на дер.
3. –б. 1465 нест.

www.sattor.com

Ҷуз аз ганҷи вижа рад Афросиёб,
Ки касро набуд андар он дастёб,

Бубахшид дигар ҳама бар сипоҳ
Зи[1] ганҷу силеҳу[2] зи[3] тахту кулоҳ.

Зи ҳар сӯ пароканда бемар сипоҳ
Зи туркон биёмад ба наздики шоҳ.

Ҳаме дод зинҳору бинвохтшон
Ба зудӣ ҳама корҳо сохтшон.

Саронро зи Туронзамин баҳр дод,
Ба ҳар номдоре яке шаҳр дод.

Ба ҳар кишваре ҳар кӣ фармон набурд[4],
Зи дасти далерони ӯ ҷон набурд[5].

Шуданд он замон шоҳро чокарон
Чу пайваста шуд номаи меҳтарон.

1475 Зи ҳар сӯ фиристодагон назди шоҳ
Якояк сар андар ниҳода ба роҳ,[6]

Або ҳадяву номае меҳтарон
Шуда як ба як шоҳро кеҳтарон.

НОМАИ КАЙХУСРАВ БА КОВУС БА НАВИДИ ФИРӮЗӢ

Дабири писандидаро пеш хонд,
Сухан ҳар чи боист, бо ӯ биронд.[7]

---

1. ИМ – чи.
2. ЛМ - силоҳ.
3. И- чи.
4. Л-бибурд.
5. Л-бибурд.
6. И-б. 1475 нест.
7. ТПЗИМ – Ба Ковуси кай номае кард шоҳ
Зи Турону аз кори туронсипоҳ.

www.sattor.com

Сари нома кард офарин аз нахуст
Бар –он, к-ӯ замин аз бадиҳо бишуст.

Сари ҷодувонро нагунсор кард,
Чунон ахтари хуфта бедор кард.

Тавоноиву донишу дод аз ӯст
Ба ҳар ҷо[1] ситамёфта шод аз ӯст.

Дигар гуфт, к-аз бахти Ковусшоҳ[2]
Бузурги[3] ҷаҳондидаи некхоҳ.[4]

Кушода шуд ин ганги Афросиёб,
Сари бахти ӯ андаромад ба хоб.

Ба як размгаҳ аз набардасарон
Сарафроз бо гурзҳои гарон.

Ҳамоно ки афканда шуд чил ҳазор
Ба Гулзарриюн дар сафи корзор.

В-аз он пас баромад яке боди сахт,
Ки барканд бо шох бехи дарахт.

Ба об-андар афканд чандин[5] сипоҳ,
Ки ҷустанд бар мо ҳаме дастгоҳ.

В-аз он ҷойгаҳ рафт ба Б-ҳиштганг,
Ҳисоре пур аз мардуму ҷои ҷанг.

Ба ҷанги ҳисор-андарун сӣ ҳазор
Ҳамоно, ки шуд кушта дар корзор[6].

Ҳамон буд, ки бедодгар буд мард,
Варо донишу бахт ёрӣ накард.

1. ИЛМ гетӣ.
2. ИМ – Ковуси кай.
3. ИЛМ – бузургу.
4. И- меҳондидаву некпай; ЛМ – некпай.
5. Л-чанде.
6. ИЛ-б.

www.sattor.com

Ҳама рӯи кишвар сипаҳ густарид,
Шудаст ӯ кунун аз ҷаҳон нопадид.

Аз ин пас фиристам ба шоҳ огаҳӣ
Зи рӯзе ки бошад маро фарраҳӣ.

Бар он нома-бар мӯҳри заррин ниҳод,
Фиристод наздики Ковус шод[1]*[2]

В-аз он пас биёмад, ба шодӣ нишаст,
Паричеҳра пеш-андарун май ба даст.

Бибуд[3] то баҳор андаровард рӯй,
Ҷаҳон шуд биҳиште пур аз рангу[4] бӯй.

Ҳама дашт чун парниён шуд ба ранг,
Ҳаво гашт бар сони пушти паланг.[5]

Гурозидани гӯру оҳу ба дашт
Бар ин гуна бар чанд хушшӣ[6] гузашт.

Ба нахчири юзону парранда боз,
Маи мушкбӯю бутони тароз.

Ҳама чорпоён ба кирдори гӯр
Пароканда оганда гардан ба зӯр.

Ба гардан ба кирдори шерони нар,
Ба сони гавазнон ба гӯшу ба сар.

Ба ҳар сӯ фиристод корогаҳон,
Ҳаме ҷуст пайдо зи кори ҷаҳон.

---

1. ИЛ-б. 1492 нест.
2. М-б. 1492 нест.
3. И- Чунин.
4. И-ба рангу ба.
5. И-б. 1495 нест.
6. И-рӯзе.

www.sattor.com

ОГОҲӢ ЁФТАНИ КАЙХУСРАВ АЗ ОМАДАНИ АФРОСИЁБ БО ЛАШКАРИ ФАҒФУР

Пас огоҳӣ омад зи Чину Хутан,
В-аз Афросиёб андар он анҷуман.

Ки фағфури Чин бо вай анбоз гашт,
Ҳама кишвари Чин пуровоз гашт.

Зи Чин то ба Гулзарриюн лашкар аст,
Бар эшон чу хоқони чинӣ сар аст.

Надонад касе арзи он хоста,
Парастандаву аспи ороста,

Ки ӯро фиристод фағфури*[1] Чин,
Ба шоҳӣ бар ӯ хонданд офарин.

Ҳама ганҷи Пиронаш омад ба даст
Шутурвор динор сад бор шаст.

Чу он[2] хоста баргирифт аз Хутан,
Яке лашкаре шуд бар ӯ анҷуман.

Чу з-ин гуна огоҳӣ омад зи роҳ,
Ба наздики он зинҳорӣ*[3] сипоҳ.

Ҳама бозгаштанд аз эрониён
Бубастанд кинхостанро миён.

Чу бардошт Афросиёб аз хутан,
Сипоҳе баровард лашкаршикан,

Ки гуфтӣ замин барнатобад ҳаме
Ситора шумораш наёбад[4] ҳаме.

1. М-Хоқони.
2. И-чунин.
3. М- зинҳор дода.
4. И- надонад.

www.sattor.com

Зи Чин сӯи Кайхусрав овард рӯй
Пур аз дард бо лашкари ҷангҷӯй[1].

Чу Кайхусрав огоҳ шуд з-он сипоҳ
Талоя фиристод чанде ба роҳ.

Бифармуд Гударзи Кашводро,
Сипаҳдори ял, шер Фарҳодро,

Ки эдар бибошед бо доду рой,
Талоя шабу рӯз карда ба пой.

Ба Гударз гуфт: «Ин сипоҳи туанд,
Шабу рӯз андар[2] паноҳи туанд.[3]

Зи туркон ҳар он гаҳ ки бинӣ яке,
Ки ёд орад аз душманон андаке,

Ҳам андар замон зинда бар дор кун,
Ду пояш забар, сар нагунсор кун.

Чу беранҷ ёбӣ, ту беранҷ бош,
Нигаҳбони ин лашкару ганҷ бош».

Табира баромад зи пардасарой,
Хурӯшидани занг бо каррной.

Сипоҳе баромад бар он сон[4] зи Ганг
Ки хуршедро орзу кард ҷанг.

Чу берун шуд аз шаҳр, саф баркашид,
Сӯи ӯ куҷо лашкар андаркашид.

Миёни ду лашкар ду фарсанг монд,*[5]
Ҷаҳондор гарданкашонро бихонд.

1. И-кинаҷӯй.
2. ЛМ- Чу кор ояд.
3. И-б. 1516 нест.
4. Л-Биёмад бад-он сӯ.
5. М-манзил бимонд.

www.sattor.com

Чунин гуфт, к-«Имшаб маҷунбед ҳеч,
На хобу на осоиш[1] андар басеч.

Талоя пароканда бар гирди дашт
Ҳама шаб ҳаме гирди лашкар бигашт.

Ба ҳар ҳафта будаш бар-он ҷо диранг,
Ҳаме кард*[2] ороишу сози ҷанг.

Ба ҳаштум талоя баромад зи роҳ,
Ба Хусрав чунин гуфт,*[3] к-омад сипоҳ.

Сипаҳро бароруст з-он гуна[4] шоҳ,
Ки разм орзу кард[5] хуршеду моҳ.

Чу Афросиёб он сипаҳро бидид,
Биёмад, баробар сафе баркашид.

Ба фарзонагон гуфт, к-«Ин дашти разм
Ба дил бар маро ҳамчу хоб асту базм.

Маро шод бар гоҳ хоб омадӣ,
Чу размам набудӣ, шитоб омадӣ,

Кунун монда гаштам чунин дар гурез
Саре пур зи кина, диле пурситез.

Надонам, ки ин фарри[6] Кайхусрав аст,
Ва ё бар сарам рӯзгори нав аст.

Бар онам, ки бо ӯ шавам ҳамнабард
Агар коми дил ёбам, ар маргу дард».

Бад-ӯ гуфт ҳар кас ки фарзона буд,
Агар хеш буд, ар зи[7] бегона буд,

1. Л- оромиш.
2. М-сохт.
3. М-хабар кард.
4. ЛМ – бар он сон биёрост.
5. Л- Бар ӯ гашт наззора; ИМ-наззора гаштанд.
6. ИЛ- бахти.
7. И-ӯ буд.

www.sattor.com

Ки гар шоҳро чуст бояд набард,
Чаро бояд ин лашкару дору бард?

Ҳама Чину туркон ба пеши туанд[1],
Зи бегонагон гар зи хеши туанд,[2]

Фидои ту бодо тану ҷони мо,
Чунин буд, то буд паймони мо.[3]

Агар сад шавад кушта, ояд*[4] ҳазор,
Тани хешро хормоя мадор.

Ҳама сар ба сар некхоҳи туем,
Ки зинда ба фарри кулоҳи туем.

В-аз он пас баромад зи лашкар хурӯш,
Замину замон шуд пур аз ҷангу ҷӯш.

Ситора падид омад аз тира гард,
Рухи зарди хуршед шуд лоҷвард.

НОМАИ АФРОСИЁБ БА КАЙХУСРАВ

Сипаҳдори туркон аз он анҷуман
Гузин кард корозмуда ду*[5] тан.

Паёме фиристод наздики шоҳ,
Ки «Кардӣ фаровон зи лашкар табоҳ[6]

Ҳамоно, ки фарсанг аз Эрон ҳазор
Бувад то ба Ганг-андар, эй шаҳрёр.

Зи кӯҳу биёбону аз регу шах
Ду лашкар бад-ин сон чу мӯру малах.

1. И-туем.
2. И-туем.
3. И-б. 1538 нест.
4. М-гар даҳ.
5. М-се.
6. ИЛМ – паси пушт роҳ.

www.sattor.com

Заминҳо чу дарё шуд аз хуни кин
Зи Гангу зи Чин то ба Эронзамин.

Агар хуни он куштагонро зи хок
Ба жарфе барад рои Яздони пок,

Ҳамоно, ки дарёи қулзум шавад,
Ду лашкар ба хун-андарун гум шавад.

Агар ганҷ хоҳӣ зи ман ё сипоҳ
В-агар буми Турону[1] тахту кулоҳ,

Супорам туро ман, шавам нопадид,
Ҷуз аз теғ ҷонро надорам калид.

Макун гар туро, ман падармодарам,
Зи тухми Фаридуни афсунгарам.

Зи кини[2] падар гар дилат хира шуд,[3]
Чунин пеши ту оби ман[4] тира шуд.

Аз он бад Сиёвуш гунаҳгор буд,
Маро дил пур аз дарду тимор буд.

Дигар гардиши ахтарони баланд,
Ки ҳам бо паноҳанду ҳам бо газанд.

Маро солиён шаст[5] бар сар гузашт,
Ки бо номдорон нарафтам[6] ба дашт.

Ту фарзандиву шоҳи Эрон туӣ,
Ба разм-андарун ҷанги шерон туӣ.

Яке размгоҳе гузин дурдаст,
На бар домани марди хусравпараст.

1. И-туркон.
2. И-хуни.
3. И-гашт.
4. И-оби ман сӯи ту; Л-оби ман пеши ту.
6. И-гашт.
5. И-сол бисёр.
6. И-номдорӣ бирафтам.

www.sattor.com

Бигардем ҳарду ба овардгоҳ,
Ба ҷое к-аз ӯ дур монад[1] сипоҳ.

Агар ман шавам кушта бар дасти ту,
Зи дарё наҳанг оварад шасти ту,

Ту бо хешу пайванди мо дармакӯш,
Бипарҳезу аз кина чандин маҷӯш.

В-агар ту шавӣ кушта бар дасти ман,
Ба зинҳори Яздон, к-аз он анҷуман

Намонам, ки як тан бупечад зи дард,
В-агар бинад аз тирахоки[2]*[3] набард».

Зи гӯянда бишнид Хусрав паём,
Чунин гуфт бо пури Дастони Сом,

Ки «Ин турки бадсози мардумфиреб
Набинад ҳаме аз фарозу нишеб.[4]

Зи овард чандин[5] бигӯяд ҳаме,
Магар дахмаи Шеда ҷӯяд ҳаме.

Набера Фаридуну пури Пашанг,
Зи овард бо ӯ маро нест нанг».

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Эй шаҳрёр,
Ба дил дармадор оташи корзор,

Ки нанг аст бар шоҳ рафтан ба ҷанг,
Агар ҳамнабарди ту бошад паланг.

Дигар он ки гӯяд, ки бо лашкарам,
Макун ҷанг бо дудаву кишварам.

---

1. Л-бошад.
2. Л-бод хоки.
3. М- Ва ё бинад ин чак-чаки.
4. ТПЗМ – Ба чора чунин аз бади мо биҷаст,
Ки монад бари тахти Турон нишаст.
5. И- чанде.

www.sattor.com

Зи дарё ба дарё туро лашкар аст,
Кучо рояшон з-ин сухан дигар аст.

Чу паймони Яздон кунӣ бо ниё,
Набояд[1], ки бар[2] дил бувад кимиё.

Ба анбӯҳ лашкар ба ҷанг андар ор,
Сухан бугсил аз гуфтаи нобакор»…

ҶАНГИ ЭРОНИЁН БО ТУРОНИЁН

Зи Рустам чу бишнид Хусрав сухан,[3]
Писандид гуфтори пири куҳан.[4]

Ба гӯянда гуфт: «Ин бадандеш мард
Чунин бо ман овехт андар набард.

Фузун кард аз ин бо Сиёвуш вафо,
Забон пурфусун дошт, дил пурҷафо,

Бирав з-эдар, он бадкунишро бигӯй,
К-аз ин пас бар ин раҳ, ки гуфтӣ, мапӯй.[5]

Сипаҳбад ба кажжӣ нагирад фурӯғ,
Равон хира[6] пуртобу дил пурдурӯғ.

Гар эдун, ки роят набард асту бас,
Ҷуз аз ман набарди туро ҳаст кас.

Таҳамтан ба ҷой асту Геви далер,
Ки пайкор ҷӯянд бо наррашер.[7]

Агар шоҳ бо шоҳ ҷӯяд набард,
Чаро бояд ин лашкару дору бард?

1. ИЛМ –нашояд.
2. Л-дар.
3. ИЛ- сухун.
4. ИЛМ-Яке дигар андеша афканд бун.
5. ИЛМ –б. 1577 нест.
6. И-тира.
7. И-пилу шер.

www.sattor.com

Набошад маро з-ин сипас бо ту ҷанг,
Бубинӣ кунун рӯзи торику танг».

Фиристода баргашту омад чу бод,
Саросар шунида бар ӯ кард ёд.

Пур аз дард шуд ҷони Афросиёб
Накард эч бар ҷангҷустан шитоб.

Сипаҳро ба ҷанг андаровард шоҳ,
Биҷунбид ночор дигар сипоҳ.

Яке бодирангу яке бошитоб,
Замин шуд ба кирдори дарёи об.

Зи боридани тир гуфтӣ, ки абр
Ҳаме жола борад зи коми ҳизабр.

Зи шабгир то гашт хуршед зард,[1]
Замин пур зи хун буд дар зери мард.[2]

Сипаҳ бозгардид, чун тира гашт,
Ки чашми саворон ҳаме хира гашт.

Шаҳаншоҳ[3] бо фарру аврангу соз
Чу омад ба лашкаргаҳи хеш боз,

Чунин гуфт бо Тус, к-«Имрӯз ҷанг
На бар орзу кард пури Пашанг.

Гумонам, ки имшаб шабехун кунад,
Зи дил дарди дерина берун кунад».

Яке канда фармуд кардан ба роҳ
Бад-он сӯ, ки буд роҳи туронсипоҳ.

1. ИМ – лаъл.
2. ИМ – гашт дар зери наъл.
3. ЛМ – Сипаҳдор.

www.sattor.com

Бифармуд, к-оташ*[1] масӯзед кас,
Набояд, ки ояд хурӯши ҷарас.

1595 Зи лашкар саворон, ки буданд гурд,
Гузин карду Хусрав ба Рустам супурд.

Дигар баҳра бугзид аз эрониён,
Ки банданд мар тохтанро миён.

Ба Туси сипаҳбад супурд он гурӯҳ,
Бифармуд, то рафт бар сӯи кӯҳ.

Таҳамтан сипаҳро ба ҳомун кашид,
Сипаҳбад сӯи кӯҳ берун кашид.

Бифармуд, то зуд берун шаванд,
Чапу рост ҳарду ба ҳомун шаванд.

1600 Талоя надоранду[2] шамъу чароғ,
Яке сӯи дашту яке сӯи роғ.

Бад-он то марг созад Афросиёб,
Ба мо-бар шабехун ба ҳангоми хоб.

Гар ояд сипоҳ, андароянд пас,
Бимонад, набошад-ш фарёдрас.

Ба раҳ канда пешу пас-андар сипоҳ,
Паси канда бо лашкару пил шоҳ.

Шабехун кардани Афросиёб бар
Кайхусрав ва шикаст ёфтан

СИПАҲДОРИ ТУРКОН, ЧУ ШАБ ДАРШИКАСТ, МИЁН БО СИПАҲ ТОХТАНРО БУБАСТ.

1605 Зи лашкар ҷаҳондидагонро бихонд,
Зи кори гузашта фаровон биронд.

1. М-Бигуфташ, ки оташ.
2. И- надоранд.

www.sattor.com

Чунин гуфт, к-«Ин шуми пуркимиё
Чунин чира*[1] шуд бар сипоҳи ниё.

Кунун бегумон хуфтаанд он гурӯҳ,
Пароканда лашкар ҳама дашту кӯҳ.

Кунун мо зи дил тарс берун кунем,
Саҳаргаҳ бар эшон шабехун кунем.

Гар имшаб бар эшон наёбем даст,
Ба пастӣ абар[2] хок бояд нишаст.

Агар бахтёрӣ*[3] нагирад фурӯғ,
Ҳама чора бод асту мардӣ дурӯғ».

Бар ин барниҳоданду бархостанд,
Зи баҳри шабехун биёростанд.

Зи лашкар гузин кард панҷаҳ ҳазор
Ҷаҳондида гурд аз дари корзор.[4]

Бирафтанд корогаҳон пеши ӯй,
Ҷаҳондида мардони пархошҷӯй.[5]

Зи корогаҳон он ки буд раҳнамой,
Биёмад ба наздики пардасарой.

Ба ҷое ғави посбоне[6] надид,
Ҷуз аз[7] орамида ҷаҳоне надид.[8]

Талоя наву оташу бод на,
Зи Турон касеро ба дил ёд на.

1. М-Хира.
2. И-бари.
3. М-бахтамон.
4. И-мардони ҷангӣ савор.
5. И-б. 1613 нест.
6. Л-посбонон.
7. Л-чунон.
8. Л-ҷаҳонро бидид.

www.sattor.com

Чу он дид, баргашту омад давон,
К-аз эшон касе нест равшанравон.

Ҳама хуфтагон сар ба сар мурдаанд,
Ту гуфтӣ[1] ҳама рӯз май хӯрдаанд.

Ба ҷое талоя падидор нест,
Ҳама дашт бар пой ҷуз хор нест.

Чу Афросиёб ин суханҳо шунуд,
Ба дил-ш- андарун рӯшноӣ фузуд.

Сипаҳро фиристоду худ барнишаст,
Миён бо ялон тохтанро бубаст.[2]

Бирафтанд гурдон чу дарёи об,
Бикарданд*[3] бар тохтан-бар шитоб.

Бар он тохтан ҷунбишу соз на,
Ҳамон нолаи бӯқу овоз на.

Бирафтанд[4] наздики пардасарой,
Баромад хурӯшидани карнной.

Ғави табл бар кӯҳаи зин бихост,
Дурафши сияҳро*[5] баровард рост.

Зи лашкар ҳар он кас, ки буд пешрав,
Барангехтанд аспу бархост зав.

Ба канда дарафтод чандин[6] савор,
Бупечид дигар сар аз корзор.

Зи як даст Рустам баромад зи дашт,
Зи гарди саворон ҳаво тира гашт.

1. ИЛ-Вагарна.
2. Л-б. 1619-1621 нест.
3. М- гирифтанд.
4. ИЛ-Чу рафтанд.
5. М- сияҳ сар.
6. Л-чанде.

www.sattor.com

Зи дасти дигар Геви Гударзу Тус,
Ба пеш-андарун бӯқу овои кӯс.

Шаҳаншоҳ бо ковиёнӣ дурафш,
Ҳаво шуд зи теғи саворон бунафш.

Баромад деҳу дору банду[1] бикуш,
На бо асп ҷону на бо мард ҳуш.

Ба ҷунбиш даромаду ду дарёи хун,
Шуд аз мавҷи он хун замин лолагун.

Зи фӯлодпӯшони лашкаршикан
Тани кӯҳ ларзанда бар хештан.

Гурезандагонро дар он растахез
На рӯи раҳоӣ, на роҳи гурез[2].

Аз эшон зи сад номвар даҳ намонд,
Зи кушта гурезандаро раҳ намонд.

Чу огоҳӣ омад аз ин размгоҳ,
Чунон хаста шуд шоҳи туронсипоҳ,

Ки аз ҷангиён зору гирён шуданд,
Зи дарди дили шоҳ бирён шуданд.

Чунин гуфт, к-аз гардиши осмон
Наёбад гузар донишӣ бегумон.

Чу душман ҳаме ҷон ситонад, на чиз,
Бикӯшем ночор як бор*[3] низ.

Агар сар ба сар тан ба куштан диҳем,
В-агар тоҷи шоҳӣ ба сар барниҳем».

Баромад хурӯш аз ду пардасарой,
Ҷаҳон шуд пур аз нолаи каррной.

1. Л- гиру.
2. ИЛМ-б. 1632-1634 нест.
3. М-захм.

www.sattor.com

Бирафтанд[1] шамшеру жӯпин ба каф,
Кашида сипаҳ бар се фарсанг саф.

Ба кирдори дарё шуд он размгоҳ,
На хуршеди тобанда равшан, на моҳ.

Сипоҳ андаромад ҳаме фавҷ-фавҷ,
Бар он сон, ки бархезад аз об мавҷ.

Дару[2] дашт гуфтӣ, ки пурхун шудаст,
Хур аз чархи гарданда берун шудаст.

Ба қир-андар андуда чеҳри сипеҳр,
Касеро набуд бар тани хеш меҳр.

Ҳамон гаҳ баромад яке тундбод,
Ки ҳаргиз кас онро надорад ба ёд.

Ҳаме хок бардошт аз размгоҳ,
Бизад бар сару чашми туронсипоҳ.[3]

Зи саршон ҳама таргҳо баргирифт,
Бимонд андар он шоҳи туркон шигифт.

Ҳама дашт мағзи сару[4] хун гирифт,
Дили санг ранги[5] табархун гирифт.

Саворони туркон, ки рӯзи диранг
Забун доштандӣ шикори паланг,

Надиданд бо чархи гардон набард,
Ҳаме бод бардошт бо асп мард.

Чу Кайхусрав он ҷунбиши бод дид,
Дили бахти эрониён шод дид,

1. ИМ-гирифтанд.
2. И-дижу.
3. Л-б. 1648 нест.
4. Л- Биёбон ҳама сар ба сар.
5. Л-Ҳама рӯи дарё.

www.sattor.com

Або Рустаму Геви Гударзу Тус
Зи қалби сипоҳ андаровард кӯс.

Деҳодеҳ баромад зи қалби сипоҳ,
Зи як даст Рустам, зи як даст[1] шоҳ.

Шуд андар[2] ҳаво гард бар сони меғ,
Чи меғе[3] ки борони ӯ тиру[4] теғ.

Тале кушта ҳар ҷой чун кӯҳ-кӯҳ,
Бараш чашмаи хун зи ҳарду гурӯҳ.

Ҳаво гашт чун чодари нилгун,
Замин ҳам ба кирдори дарёи хун.

Зи тир осмон шуд чу парри уқоб,
Нигаҳ кард тирадил Афросиёб.

Бидид он дурафши дурафшон бунафш,
Ниҳон кард бар қалбгаҳ-бар дурафш.

Сипаҳро рада баркашида бимонд,
Худу номдорону гурдон биронд.

Зи хешону[5] шоиста марди[6] ҳазор,
Бибурд он ки буд, аз дари корзор.

Ба бероҳ роҳи биёбон гирифт,
Ба ранҷи тан аз душманон ҷон гирифт.

Зи лашкар ниёро ҳаме ҷуст шоҳ,
Биёмад дамон то ба қалби сипоҳ.*[7]

1. И-дигар даст.
2. Л-бубаст дар.
3. Л-абре.
4. И-Ки борони ӯ сар ба сар буд.
5. ИЛ – хешони.
6. ИЛ-марде.
7. М-сари қалбгоҳ.

www.sattor.com

Рикобаш гарон карду чанде шитофт,
Нишони паи шоҳи Турон наёфт.[1]

Сипаҳ чун нигаҳ кард дар қалбгоҳ,
Надиданд ҷое дурафши сиёҳ.

Зи шоҳи каён хоста зинҳор,
Фурӯ рехтанд олати корзор.

Чу Хусрав нигаҳ кард, бинвохтшон,
Зи лашкар ҷудо пойгаҳ сохтшон.

Бифармуд, то тахти заррин ниҳанд,
Ба хайма-дар ороиши Чин ниҳанд.

Май оварду ромишгаронро бихонд,
Зи лашкар фаровон саронро бихонд.

Шабе кард ҷашне, ки то рӯзи пок
Ҳаме мурда бархост аз тирахок.

Чу хуршед бар чарх бинмуд даст,
Рухи тирашабро[2] ба нохун бихаст.

Шаҳаншоҳи Эрон сару тан бишуст,
Ба ҷое хиромид бо Жанду Уст,*[3]

К-аз эрониён кас мар ӯро надид,
На дому дад овози вайро шунид.

Зи шабгир то моҳ бар чархи соҷ
Ба сар барниҳод он дилафрӯз тоҷ.

Ситоиш ҳаме кард бар кирдгор,
Аз ӯ шодмон гардиши рӯзгор.

Фаровон бимолид бар хок рӯй,
Ба рух барниҳод аз ду дида ду ҷӯй.

1. Л-б. 1664, 1665 нест.
2. И-Шаби тира рухро.
3. М- Яке ҷойгоҳи парастиш биҷуст.

www.sattor.com

В-аз он ҷо биёмад сӯи тоҷу тахт,
Хиромону шодондилу некбахт.

Аз эрониён ҳар кӣ афканда буд,
Агар кушта буду[1] агар[2] зинда буд,

Аз он хоки овард[3] бардоштанд,
Тани душманон хор бугзоштанд.

Ҳама размгаҳ дахмаҳо[4] сохтанд,
Аз он куштагон чун бипардохтанд.

Зи чизе ки дид андар он размгоҳ,
Бубахшид пок он[5] ҳама бар сипоҳ.

В-аз он ҷойгаҳ рафт ба Б-ҳиштганг
Ҳама лашкар обод бо сози ҷанг.

РАСУЛ ФИРИСТОДАНИ ХОҚОНИ ЧИН НАЗДИ КАЙХУСРАВ

Чу огоҳӣ омад ба Мочину Чин,
Зи туркону аз шоҳи Эронзамин,

Бупечид[6] фағфуру хоқон ба дард,
Зи тахти меҳӣ ҳар касе ёд кард.

В-аз он ёвариҳо[7] пушаймон шуданд,
Пурандеша дил сӯи дармон шуданд.

Ҳаме гуфт фағфур, к-«Афросиёб,
Аз ин пас бузургӣ набинад ба хоб.

1. Л-буданд.
2. И-ё.
3. И-мар ӯро ҳам аз хок.
4. Л-хаймаҳо.
5. И-яксар.
6. И-хабар шуд ба.
7. И-Бузургони чинӣ.

www.sattor.com

Зи лашкар фиристодану хоста
Шавад бегумон кори мо[1] коста.

Пушаймонӣ омад ҳама бахри мо,
В-аз[2] ин кор вайрон шавад шаҳри мо.

Зи Чину Хутан ҳадяҳо сохтанд,
Бар он кор ганҷе бипардохтанд.

Фиристодаи некдилро бихонд,
Суханҳои шоиста бо ӯ биронд.[3]

Зи боистанӣ ҳар чи дар ганҷ[4]*[5] буд,
Зи динору аз гавҳари нобисуд,

Ба пӯзиш фиристод наздики шоҳ,
Фиристодагон баргирифтанд роҳ.

Бузургони Чин бедиранг омаданд,
Ба як ҳафта аз Чин ба Ганг омаданд.

Ҷаҳондори пирӯз бинвохтшон,
Чунон чун бибоист, биншохтшон.

Пазируфт чизе, ки оварда буд,
Зароиф буду бадраву барда буд.

Фиристодаро гуфт, к ӯро бигӯй,
Ки хира бари мо мабар обрӯй.[6]

Набояд, ки назди ту Афросиёб
Биёяд шаби тира ҳангоми хоб».

1. И-корҳо.
2. ИЛ-к-аз.
3. ТПЗЛ – Яке марди некӯдилу некхоҳ
Фиристод фағфур наздики шоҳ.
4. ИЛ- Зароиф ба Чин-андарун ҳар чи.
5. М-Ба Чин- андарун турфа аз ҳарчи.
6. Л-б. 1697 нест.

www.sattor.com

Фиристода баргашту омад чу бод,
Ба фағфур яксар паёмаш[1] бидод.

Чу бишнид фағфур ҳангоми хоб,
Фиристод кас назди Афросиёб.

Ки аз марзи Чину Хутан дур бош,
Зи бад кардани хеш ранҷур бош.

Ҳар он кас, ки ӯ гум кунад роҳи хеш,
Бад ояд бадандешро кор пеш.

БАРГАШТАНИ АФРОСИЁБ АЗ ОБИ ЗИРЕҲ

Чу бишнид Афросиёб ин сухан,
Пушаймон шуд аз кардаҳои куҳан.

Ба бероҳ роҳи биёбон гирифт,
Бияфканд номи[2] меҳӣ,[3] ҷон гирифт.

Чу бо дарду бо ранҷу ғам дид рӯз,
Биёмад дамон то ба кӯҳ Испирӯз.

Зи бадхоҳ рӯзу шаб ожир буд,
Ба ҳар ҷой хӯрдан-ш нахчир буд.

Биёмад чунин то ба оби Зиреҳ,
Миён суда аз ранҷу банду гиреҳ.

Чу наздики он жарфдарё расид,
Мар ӯро миёну карона надид.

Бифармуд, то марди киштишумор
Бисозад ба киштӣ зи дарё гузор.[4]

1. И-бар гуфтаҳо кард.
2. Л-тахти; И-ному.
3. И-ғами.
4. ИЛМ – Бад-ӯ гуфт маллоҳ, к-эй шаҳрёр,
Бад ин жарфдарё наёбӣ гузор.

www.sattor.com

Чунин гуфт дарёшиноси куҳан,
Ки «Эй номбардори Чину Хутан,[1]

Маро солиён ҳаст ҳафтоду ҳашт,
Надидам, ки киштӣ бар ин сӯ гузашт».

Бад-ӯ гуфт пурмоя Афросиёб,
Ки «Хуррам касе, к-ӯ бимирад дар об.

Мар ӯро*[2] ба шамшер душман накушт,
Ҷаҳон чун накушташ[3], бигирад ба мушт».

Бифармуд, то меҳтарон ҳар касе
Ба об андароранд киштӣ басе.

Сӯи Гангдиж бодбон баркашид,
Зи неку зи бадҳо сар андаркашид.

Чу он ҷо шуд эмин, бихуфту бих(в)ард,
Баросуд аз рӯзгори[4] набард.

Чунин гуфт, к-«Эдар бибошем шод,
Зи кори гузашта нагирем ёд.

Чу равшан шавад тирагун ахтарам,
Ба киштӣ бар оби Зиреҳ бугзорам.

Зи душман бихоҳам ҳамон кини хеш,
Дурафшон кунам роҳу оини хеш».

Чу Кайхусрав огоҳ шуд з-он сухан,
Ки кори нав овард марди куҳан,

Ба Рустам чунин гуфт, к-«Афросиёб
Сӯи Гангдиж шуд ба дарёи об.

1. ИЛМ –б. 1710т нест.
2. М-Маро чун.
3. Л- нигинаш.
4. ИЛ-овардгоҳ.

www.sattor.com

Ба кирдор кард он чи бо мо бигуфт,
Ки моро сипеҳри баланд аст ҷуфт.

Ба киштӣ ба оби Зиреҳ баргузашт,
Ҳама сар ба сар ранҷи мо бод гашт.[1]

Маро бо ниё ҷуз ба ханҷар сухан
Набошад, нагардонам ин кин куҳан.

Ба неруи Яздони пирӯзгар
Бубандам ба кини Сиёвуш камар.

Ҳама Чину Мукрон сипаҳ густарам,
Ба дарёи Каймок[2] - бар бугзарам.

Чу гардад маро рост Мочину Чин,
Нахоҳем ёрӣ зи Мукронзамин.

Бар оби Зиреҳ бугзаронам сипоҳ,
Агар чархи гардон бувад некхоҳ.

Агарчанд ҷое диранг оядам,[3]
Магар марди хунӣ ба ҷанг оядам.[4]

Фаровон шумо ранҷ бардоштед,
Бару буми обод бугзоштед.

Ҳам ин ранҷ бар хештан барниҳем,
Аз он беҳ, ки гетӣ ба душман диҳем.[5]

Бимонад зи мо ном то растахез
Ба пирӯзиву душман андар гурез.

Шуданд андар он паҳлавонон дижам,
Лабон*[6] пур зи бод, абрувон пур зи хам,

1. И-б. 1723 нест.
2. ИЛ-Кимол.
3. И-оварам.
4. И-оварам.
5. И-б. 1731 нест.
6. М-даҳон.

www.sattor.com

Ки дарёи бомавҷу чандин сипоҳ,
Сару кор бо бод шаш моҳ роҳ.

Кӣ донад, ки берун кӣ ояд зи об,
Бад омад сипаҳро зи Афросиёб.

Чу хушкӣ бувад, мо ба ҷанг-андарем,
Ба дарё ба коми наҳанг-андарем».

Ҳаме гуфт ҳар гунае ҳар касе,
Бад-он гаҳ, ки гуфторҳо шуд басе.

Чунин гуфт Рустам, ки «Эй меҳтарон,
Ҷаҳондидаву ранҷбурда сарон,

Набояд, ки ин ранҷ бебар шавад,
Ба боди таносонӣ андар шавад.

Ва дигар, ки ин шоҳи пирӯзгар
Биёбад ҳаме з-ахтари нек бар.

Аз Эрон бирафтем то пеши Ганг,
Надидем ҷуз ҷанг ҷое диранг.

Зи коре ки созад ҳаме бар х(в)арад,
Бар ин омаду ҳам бар ин бугзарад».

Чу бишнид лашкар зи Рустам сухун,
Яке посухи нав фикананд бун.

Бузургони донанда[1] бархостанд,
Ба хубӣ забонро[2] биёростанд,

Ки «Мо шоҳро сар ба сар бандаем,
Або бандагӣ дӯстдорандаем.

Ба хушкиву бар об фармон туррост,
Ҳама бандагонему[3] паймон туррост.

1. И-фарзона.
2. И-забонҳо.
3. ИЛ-кеҳтаронему.

www.sattor.com

ФИРИСТОДАНИ КАЙХУСРАВ БАНДИЁН ВА ГАНҶ НАЗДИ КОВУС БО НОМА

Аз он шод шуд шоҳу бинвохтшон,
Якояк бар андоза биншохтшон.

Дари ганҷҳои ниё баркушод,
Зи пайванду меҳраш накард эч ёд.

Зи дебову динору гавҳар ҳазор
Ҳаюнони шоиста карданд бор.

Зи говони гардункашон даҳ[1] ҳазор
Бибурданд бо олати корзор.

Ҳам эдун зи ганҷи дирам бешумор*[2]
Шутур бор карданд бо шаҳрёр.

Бифармуд аз он пас ба ҳангоми хоб,
Ки пӯшидарӯёни Афросиёб

Зи хешу зи пайванди ӯ ҳар кӣ ҳаст,
Агар духтаронанд, агар зердаст,

Ҳама дар иморӣ ба роҳ оваред,
Аз айвон ба майдони шоҳ оваред.

Сад аз номдорону гарданкашон,
Ки буданд ҳар як ба мардӣ нишон.

Ҳама хешу пайванди Афросиёб,
Зи тимори ӯ дидагон пур зи об.

Чу Ҷаҳну чу Гарсевази арҷманд,
Ба маҳд-андарун пой карда ба банд.

Навоҳо, ки аз шаҳрҳо ёдгор,
Гаравгон зи туркону чинӣ ҳазор[3]

1. И-ду.
2. М-ду.
3. ИЛ-б. 1758 нест.

www.sattor.com

Гузин кард аз ирониён дах[1] ҳазор
Супурд аз замон Гевро шаҳрёр.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй марди фархундапай,
Бирав бо сипаҳ сӯи Ковуси Кай.

Бифармуд, то пеши ӯ шуд дабир,
Биёвард қиртосу мушку абир.[2]*[3]

Яке нома аз қиру мушку гулоб
Бифармуд дар кори Афросиёб.

Чу шуд ҳома аз мушк в-аз қир тар,
Нахуст офарин кард бар додгар,

Ки дорандаву барсароранда ӯст,
Замину замонро нигоранда ӯст.

Ҳам ӯ офаринандаи мӯру пил
Зи хошоки ночизу дарёи Нил.

Ҳама бо тавоноии ӯ якест,
Худованди ҳасту Худованди нест.

Касеро, ки ӯ парваронад ба меҳр,
Бар ӯ- бар нагардад ба тундӣ сипеҳр.

В-аз ӯ бод бар шоҳи гетӣ дуруд,
К-аз ӯ хезад оромро тору пуд.

Расидам бар ин диж, ки Афросиёб
Ҳаме дошт аз баҳри орому хоб.

Бад-ӯ- андарун буд тахту кулоҳ,
Бузургиву дайҳиму тоҷу сипоҳ.

1. Л-ду.
2. И-б. 1761 нест.
3. М- Чини ҳарир.

www.sattor.com

Чиҳил рӯз то бораҳо гашт паст,
Бад он буд, ки душман наёмад ба даст.[1]

Бигӯяд кунун Гев як-як ба шоҳ,
Сухан ҳарчи рафт андар ин размгоҳ.

Чу дар пеши Яздон кушоӣ ду лаб,
Ниёиш кун аз баҳри ман рӯзу шаб.

Кашидем лашкар ба Мочину Чин
В-аз он рӯй ронам ба Мукронзамин.

В-аз он пас бар оби Зиреҳ бугзарам,
Агар покяздон бувад ёварам.

Зи пеши шаҳаншоҳ баргашт Гев,
Або лашкари гашну мардони нев.

Чу боди ҳаво гашт бар шоҳроҳ,
Расидаш[2] ба наздики Ковусшоҳ.

Пас огоҳӣ омад ба Ковуси кай
Аз он паҳлавонзодаи некпай.

Пазира фиристод чанде сипоҳ,
Гаронмоягон баргирифтанд роҳ.

Чу омад бари шоҳ Геви далер,
Сипоҳе зи гурдон чу як дашт шер.

Чу Гев андаромад ба наздики шоҳ,
Заминро бибӯсид бар пешгоҳ.

Варо дид Ковус, бар пой ҷаст,
Бихандиду бистурд рӯяш ба даст.

1. ТПЗМ – Саранҷом аз ҷанги мо раста гашт,
Ҳар он кас, ки баргашт, дилхаста гашт.
2. Л-биёмад.
2. И- бигрифт дасташ.

www.sattor.com

Бипурсидаш аз шаҳреру сипоҳ,
Зи гарданда хуршеду тобанда моҳ.

Бигуфт он куҷо дид Геви сутург,
Зи гурдону аз шаҳрёри бузург.

Ҷавон шуд зи гуфтори ӯ шоҳи пир,
Пас он нома бинҳод пеши дабир.

Чу он нома бар шоҳи Эрон бихонд,
Ҳама анҷуман дар шигифтӣ бимонд.[1]

Фуруд омад аз тахт Ковусшоҳ,
Зи сар баргирифт он каёнӣ[2] кулоҳ.

Биёмад, биғалтид бар тирахок
Ниёишкунон пеши Яздони пок.

Аз[3] он ҷойгаҳ шуд ба ҷои нишаст,
Або паҳлавонони хусравпараст,[4]*[5]

Ҳаме гуфт бо шоҳ Гев, он чӣ дид,
Сухан низ, к-аз шоҳи Эрон шунид.

Май оварду ромишгаронро бихонд,
В-аз Эрон набардасаронро бихонд.

Ҳама шаб ҳаме гуфту посух шунид,
Чунин то шаби тира андарчамид.

Бирафтанд бо шамъ ёрон зи пеш,
Диле шоду хуррам ба айвони хеш.

---

1. ТПЗ – Ҳама шод гашта ва хуррам шуданд,
Зи шодӣ ду дида пур аз нам шуданд,
Ҳама чиз доданд дарвешро,
Ба нафрин бикарданд бадкешро.
2. ИЛ- хучаста.
3. Л-В-аз.
4. Л-Ба гирди дил озини шодӣ бубаст.
5. М-Ба гирди дил озини шоҳӣ бубаст.

www.sattor.com

Чу барзад хур аз чарх рахшон синон,
Бупечид шаб гирд карда инон.

Табира баромад зи даргоҳи шоҳ,
Бирафтанд гурдон бад-он боргоҳ.

Ҷаҳондор пас Гевро пеш хонд,
Бар он номвар тахти шоҳӣ нишонд.

Бифармуд, то хоста пеш бурд,
Ҳам он номвар сарфарозони гурд.

Ҳам он бегунаҳ рӯйпӯшидагон,
Паси парда андар ситамдидагон.

Ҳам он Ҷаҳну Гарсевази[1] бандсой,*[2]
Ки ӯ бурд пои Сиёвуш зи ҷой.

Чу Гарсевази[3] бадкунишро бидид,
Бар ӯ кард нафрин, ки нафрин сазид.

Ҳам он Ҷаҳнро пой карда ба банд,
Бибурданд наздики тахти баланд.

Асирону он кас, ки буд аз наво,[4]
Биёрост мар ҳар якеро сазо.*[5]

Якеро нигаҳбон, якеро ба банд,
Яке пурумеду яке бо газанд.[6]

Бар он духтарони рад Афросиёб
Нигаҳ кард Ковус мижгон пуроб.

1. ИЛ-Гаршеваз.
2. М- тирарой.
3. ИЛ-Гаршеваз.
4. И-бенаво.
5. М- Чудо.
6. И-якеро наво: Л-Ниҳода ба гардан-дарун ғулу банд.

www.sattor.com

Паси пардаи шоҳашон ҷой кард,
Ба баршон[1] парастанда[2] бар пой кард.

В-аз он пас ҳама хостҳо ҳар чӣ буд,
Зи динору аз гавҳари нобисуд,

Ба эрониён дод, то офарин
Бихонданд[3] бар шаҳрёри замин[4].

Дигар бардагон меҳтаронро супурд,
Ба айвон набуд аз бузургону хурд.

Биёростанд аз дари Ҷаҳн ҷой,
Хуриш бо парастандаву раҳнамой.

Ба диж-дар яке ҷои торик буд,
Зи дил дуру бо дахма наздик буд.

Ба Гарсеваз омад чунон ҷой баҳр,
Чунин аст кирдори гардандадаҳр.

Хунук он касе, к-ӯ бувад подшо,
Кафи род дорад, дили порсо.

Бидонад, ки гетӣ бар ӯ бугзарад,
Нагардад ба гирди дари бехирад.

Хирад чун шавад аз ду дида сиришк,
Чунон ҳам, ки девона хоҳад пизишк.

В-аз он пас, к-аз эшон бупардохт шоҳ,
Зи бегона мардум тиҳӣ кард гоҳ.

Нависанда оҳанги қиртос кард,
Сари хома бар сони алмос кард.

---

1. И-б. 1803 нест.
2. ИЛ- Вакилу.
3. ИЛ- Бихонанд.
4. И-шоҳи Эронзамин.

www.sattor.com

Навиштанд нома ба ҳар кишваре,
Ба ҳар номдореву ҳар меҳтаре,

Ки шуд Турку Чин шоҳро яксара,
Ба обишхур омад палангу бара.

Дирам доду динор дарвешро,
Парастандаву[1] мардуми хешро.

Ба ду ҳафта дар пеши даргоҳи шоҳ
Аз анбӯҳи бахшиш надиданд роҳ.

Севум ҳафта дар[2] ҷойгоҳи меҳӣ
Нишаст андар ором бо фарраҳӣ.

Зи бас нолаи пою бонги суруд
Ҳаме дод дил ҷоми майро дуруд.

Ба як ҳафта аз ҷоми Ковуси Кай
Ҳаме мавҷ бархост аз сурхмай.

Сари моҳи нав хилъати Гев сохт,
Ҳама зарру пирӯза-андар нишохт.

Табақҳои заррину пирӯзаҷом,
Камарҳои заррину симинситом.[3]

Парастор бо тавқу бо гӯшвор,
Ҳамон ёраву тоҷи гавҳарнигор.

Ҳамон ҷомаву тахту афкандани,
Зи рангу зи бӯву зи густардани.

Фиристод, то Геврo хонданд,
Бар авранги заррин-ш биншонданд.

Бибурданд хилъат ба наздики ӯй,
Бимолид Гев андар он тахт рӯй.

1. ИЛ- парогандаву.
2. ИЛ-бар.
3. ИЛ- зарринситом.

www.sattor.com

ПОСУХИ НОМАИ ХУСРАВ АЗ КОВУСШОҲ

В-аз он пас биёмад хиромон дабир,
Биёвард қиртосу мушку абир.

Навиштанд посух, ки аз кирдгор
Шудам шоду хушнуд аз ин рӯзгор,

Ки фарзанди мо гашт пирӯзбахт[1]
Сазои меҳӣ аз дари тоҷу тахт.

Бадеро ки гетӣ ҳаме танг дошт,
Ҷаҳон аз паи ғорату ҷанг дошт,

Зи дасти ту овора шуд дар*[2] ҷаҳон,
Нагӯянд номаш ҷуз андар ниҳон.

Ҳамасола то буд, хунрез буд,
Сабукрӯю бадгавҳару тез буд.

Бизад гардани Нӯзари тоҷдор,
Зи шоҳони пешин буд ӯ[3] ёдгор.

Бародаркушу бадтану шоҳкуш,
Бадандешу бадному шӯридаҳуш.

Паи ӯ мамон то ниҳад бар замин
Ба Турону Мукрону дарёи Чин.

Ҷаҳонро магар з-ӯ раҳоӣ бувад,
Бадиро зи гетӣ ҷудоӣ бувад.

Агар довари додгар як Худой
Туро буд хоҳад ҳаме раҳнамой,*[4]

Ки гетӣ бишӯӣ зи ранҷи бадон,
Зи гуфтору кирдори нобихрадон,

---

1. И-пирӯзгар.
2. М-магар.
3. Л-шоҳону пешинагон.
4. М-б. 1840 нест.

www.sattor.com

Ба доди ҷаҳонофарин шод бош,
Ҷаҳонро яке тоза бунёд бош!

Агар[1] боз бинам туро шодмон,
Пур аз дард гардад дили бадгумон.

Аз он пас ҷуз аз пеши Яздони пок
Набошам, к-аз ӯяст уммеду бок.

Бад-он то ту пирӯз бошиву шод,
Сарат сабз бодо, дилат пур зи дод.

Ҷаҳонофарин раҳнамои ту бод,
Ҳамеша сари тахт ҷои ту бод».

Ниҳоданд бар нома-бар мӯҳри шоҳ,
Зи айвони ӯ Гев бугзид роҳ.

Ба раҳ-бар набудаш ба ҷое диранг,
Ба наздики Кайхусрав омад ба ганг.

Бад-ӯ офарин карду нома бидод,
Паёми ниё пеши ӯ кард ёд.

Зи гуфтори ӯ шод шуд шаҳрёр,
Биёвард[2] ромишгару майгусор.

Ҳаме буд пирӯз[3] шодон се рӯз,
Чаҳорум чу бифрӯхт гетифурӯз,

Сипаҳро ҳаме таргу ҷавшан бидод,
Чунон чун бувад расми шоҳону дод.

Ҷаҳоне*[4] ба Густаҳми Нӯзар супурд,
Яке лашкаре номбардору гурд.

1. ИЛ-Магар.
2. ИЛ- май оварду.
3. И-Ҳамехӯрд имрӯзу; Л-пирӯзу.
4. М-Мар ӯро.

www.sattor.com

Зу Ганги гузин роҳи Чин баргирифт,
Ҷаҳоне ба шамшер дар бар гирифт.

Бибуд рӯз пайкору тирашабон
Талоя ба рӯзу ба шаб посбон.

Бад-ин гуна то шорсони падар
Ҳаме рафт гирёну пурхок сар.

Ҳаме гирди боғи Сиёвуш бигашт,
Ба ҷое ки бинҳод хун зери ташт.

Ҳаме гуфт агар додгар як Худой
Бихоҳад, ки бошад маро раҳнамой,

К-аз ин ҳам нишон хуни Афросиёб
Бирезам ман эдар ба кирдори об.

В-аз он ҷойгаҳ шуд сӯи тахт боз,
Ҳаме гуфт бо довари пок роз.

ПАЙҒОМ ФИРИСТОДАНИ КАЙХУСРАВ НАЗДИКИ ФАҒФУРИ ЧИН ВА ШОҲИ МУКРОН

Зи лашкар фиристодагон баргузид,
Ки гӯянду донанд гуфту шунид.

Фиристод кас назди хоқони Чин,
Ба фағфур солори Мукронзамин,

Ки гар дод гиреду фармон кунед,
Зи кирдори бад дил пушаймон кунед.

Хӯришҳо фиристед пеши сипоҳ,
Бубинед ночор моро ба роҳ.

Касе к-ӯ битобад зи гуфтори мо,
В-агар дур монад зи дидори мо,

www.sattor.com

Сари ӯ бибуррам ба шамшери тез,
Барорам зи айвони ӯ растахез.[1]

Фиристода омад ба ҳар кишваре,
Ба ҷое ки буд номвар меҳтаре.

Ғамӣ[2] гашт фағфуру хоқони Чин,
Бузургони ҳар кишваре ҳамчунин.

Фиристодаро чанд гуфтанд гарм
Суханҳои ширин ба овои[3] нарм,

Ки мо шоҳро сар ба сар кеҳтарем,
Замин ҷуз ба фармони ӯ наспарем.

Гузарҳо, ки роҳи далерон будаст,
Бубинем, то чанд вайрон шудаст.

Кунем аз сар обод бо х(в)арданӣ,
Биёрем ҳар чизи*[4] оварданӣ.

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки будаш хирад,
Ки гар бениёз ӯ ба мо бугзарад,

Ба дарвеш бахшем бисёр чиз,
Нисору хуришҳои бисёр низ.

Фиристодагонро гарон*[5] ҳадя дод,
Биёмад ба даргоҳ хушнуду шод.

Дигар номвар чун ба Мукрон расид,
Дили шоҳи Мукрон дигаргуна дид.

---

1. ИЛМ –б. 1866 нест;
   ТПЗМ – Биёрост бояд сипаҳро ба разм,
   Ҳар он кас, ки бугрезад аз роҳи базм.
2. И- Ғамин.
3. ИЛ-овози.
4. М-Биёему оремш.
1. И-номвар.
5. М- Фиристодаро бекарон.

www.sattor.com

Бари тахти ӯ рафт, нома бидод,
Бигуфт аз паём, он чӣ будаш ба ёд.

Сабуксар фиристодаро хор кард,
Дили анҷуман пур зи тимор кард.

Бад-ӯ гуфт: «Бо шоҳи Эрон бигӯй,
Ки нодида бар мо фузунӣ маҷӯй.

Замона ҳама зери бахти ман аст,
Замин*[1] равшан аз тоҷу тахти ман аст.

Чу хуршеди тобон шавад*[2] бар сипеҳр,
Нахустин бар ин бум тобад ба меҳр.

Ҳамам донишу ганҷи ободи ҳаст,
Бузургиву мардиву*[3] нерӯи даст.

Гар аз ман ҳаме роҳ ҷӯяд, равост,
Ки ҳар ҷонвар бар замин подшост.

Набандем, агар бугзарӣ, бар ту роҳ,
Зиёне макун, баргузар бар[4] сипоҳ.*[5]

В-ар эдун, ки бо лашкар оӣ ба шаҳр,
Аз ин подшоҳӣ туро нест баҳр.

Намонам, ки бар хоки мо бугзарӣ,
В-аз ин марз ҷое ба пай биспарӣ.

Намонам, ки бошӣ ту пирӯзгар,
В-агар ёбӣ аз ахтари нек бар».

Бар ин гуна чун шоҳ посух шунид,
Аз он ҷойгаҳ лашкар андаркашид.

1. М- Ҷаҳон.
2. М-бувад.
3. М- Бузургону мардону.
4. ИЛ – бо.
5. М-бе сипоҳ.

www.sattor.com

Биёмад гурозон ба роҳи*[1] Хутан,
Ҷаҳонгир*[2] бо номдор анҷуман.

Бирафтанд фағфуру хоқони Чин
Бари шоҳ ба пӯзишу офарин.

Се манзил аз Чин назди шоҳ омаданд,
Худу номдорон ба роҳ омаданд.

Ҳама роҳро пок*[3] карда чу даст,
Дару дашт чун ҷойгоҳи нишаст.

Ҳама роҳ пурпӯшишу хӯрданӣ
Аз осоишу базму густурданӣ.

Чу наздики шаҳр андаромад сипоҳ,
Бубастанд озин ба бероҳу роҳ.

Ба девор дебо баровехтанд,
Зи бар мушку анбар ҳаме*[4] рехтанд.

Чу бо шоҳ фағфур густох шуд,
Ба пеш андаромад, сӯи кох шуд.

Бад-ӯ гуфт: «Мо шоҳро кеҳтарем,
Дигар[5] кеҳтариро худ андарх(в)арем.

Ҷаҳоне ба бахти[6] ту обод бод[7],
Дили дӯстдорон ба ту шод бод.[8]

Гар айвони мо дархури шоҳ нест,
Гумонам, ки ҳам камтар*[9] аз роҳ нест.

1. М- шаҳри.
2. М- Ҷаҳондор.
3. М- роҳ обод.
4. М- заъфарону дирам.
5. ИМ – агар.
6. И-тахти.
7. ИЛМ-гашт.
8. ИЛМ – гашт.
9. М-бадтар.

www.sattor.com

Ба кох андаромад сарафроз шоҳ,
Нишаст андар он номвар пешгоҳ.*[1]

Зи динори чинӣ зи баҳри нисор
Биёвард фағфури Чин сад ҳазор.

Ҳаме буд бар пеши ӯ - бар ба пой
Або марзбонони фархундарой.

Ба Чин –андарун буд Хусрав се моҳ
Або номдорони эронсипоҳ.

Парастанда фағфур ҳар бомдод
Ҳаме шоҳро нав ба нав ҳадя дод.

Чаҳорум зи Чин шоҳи Эрон биронд,
Ба Мукрон шуду Рустам он ҷо бимонд.

РАЗМИ КАЙХУСРАВ БО ШОҲИ МУКРОН ВА КУШТА ШУДАНИ ШОҲИ МУКРОН

Биёмад чу наздики Мукрон расид,
Зи лашкар ҷаҳондидае баргузид.

Бари шоҳи Мукрон фиристоду гуфт,
Ки «Бо шаҳрёрон хирад бод ҷуфт.

Нигаҳ кун, ки мо аз куҷо рафтаем,
На мастему бар орзу хуфтаем.

Ҷаҳон равшан аз тоҷу[2] бахти ман аст,
Сари меҳтарон пои тахти ман аст.

Хуриш созу роҳи сипоҳи маро
Ба хубӣ биёрой гоҳи маро.

Чу лашкар шуд аз хурданӣ бенаво,
Касе бенавоӣ надорад раво.

1. М-боргоҳ.
2. Л-фарру.

www.sattor.com

Баранд он гаҳе даст чизи касон,
Агар[1] ман набошам, бар ҳар кас расон.

Наво*[2] чун наёбанд, ҷанг оваранд,
Ҷаҳон бар бадандеш танг оваранд.

Гар эдун, ки гуфтори ман нашнавӣ,
Ба хуни фаровон кас- андар шавӣ.

Ҳама шаҳри[3] Мукрон ту вайрон кунӣ,
Чу бе кина оҳанги шерон кунӣ».

Фиристода омад, паёмаш бидод,
Набуд дар дилаш ҷои пайғому дод.

Сари бехирад з-он сухан тез гашт,
Бичӯшиду мағзаш бадомез гашт.

Пароканда лашкар ҳама гирд кард,
Биёрост бар дашт ҷои набард.

Фиристодаро гуфт: «Баргарду рав,
Ба наздики он бадгумон бозшав.

Бигӯяш, ки аз гардиши тирарӯз
Ту гаштӣ чунин[4] шоду гетифурӯз.

Бубинӣ чу ойӣ, зи мо дастбурд,
Бидонӣ, ки мардон кадоманду гурд».

Фиристодаи шоҳ чун боз гашт,
Ҳама шаҳри Мукрон пуровоз гашт.

Замин кӯҳ то кӯҳ лашкар гирифт,
Ҳама марзи[5] Мукрон сипаҳ баргирифт.[6]

---

1. Л-магар.
2. М-Алаф.
3. И-марзи.
4. И-ба дил.
5. – тиру.
6. Л-даргирифт.

www.sattor.com

Биёвард пилони ҷангӣ дувист,
Ту гуфтӣ, ки андар замин ҷой[1] нест,

Аз овози аспону ҷӯши*[2] сипоҳ
Ҳаме моҳ бар чарх гум кард роҳ.

Талоя биёмад ба наздики шоҳ,
Ки Мукрон сияҳ шуд зи гарди сипоҳ.

Ҳама рӯи кишвар дурафш асту пил,
Бубинад кунун шаҳрёр аз ду мил.

Бифармуд, то баркашиданд саф,
Гирифтанд кӯполу ханҷар ба каф.

Зи Мукрон талоя биёмад ба дашт,
Ҳама шаб ҳаме гирди лашкар бигашт.

Нигаҳбони лашкар зи Эрон Тахор,
Ки будӣ ба наздики ӯ разм хор,

Биёмад, баровехт бо ӯ ба ҳам
Чу шери сарафрозу пили дижам.

Бизад теғу ӯро ба ду ним кард,
Дили шоҳи Мукрон пур аз бим кард.

Ду лашкар бар он гуна саф баркашид,
Ки аз гард чашм осмонро надид.

Ду рӯя сипаҳ андаромад чу кӯҳ,
Ба ҳам баркашиданд ҳар ду гурӯҳ.

Зи қалб андаромад сипаҳдор Тус,
Ҷаҳон шуд пур аз нолаи бӯқу кӯс.

Ба пеш-андарун ковиёнӣ дурафш,
Паси пушт гурдони зарринакафш.

1. ИЛ-роҳ.
2. М-бонги.

www.sattor.com

Ҳаво пур зи тиру замин пур зи пил,*[1]
Ҷаҳон*[2] шуд ба кирдори дарёи Нил.*[3]

Ба қалб-андарун шоҳи Мукрон бихаст,
Ба жӯпину з-он хастагӣ ҳам нараст.

Яке гуфт: «Шоҳо, сарашро бурем,
Бад-ӯ[4] гуфт, зишт андар ӯ нангарем.[5]

Сари шаҳрёрон кӣ буррад зи тан,
Магар тира аз тухмаи*[6] аҳриман.

Яке дахма созед мушку гулоб,
Чунон чун бувад шоҳро ҷои хоб.

Бараҳна набояд, ки гардад танаш,
Бар он ҳамнишон хаста дар ҷавшанаш.

Бипӯшед рӯяш ба дебои Чин,
Ки марги бузургон бувад ҳамчунин».[7]

В-аз он анҷуман кушта шуд даҳ ҳазор
Саворону гурдони ханҷаргузор.

Ҳазору саду чил гирифтор шуд,
Сари зиндагон пур зи тимор шуд.

Бибурданд пилону он хоста,
Саропардаву гоҳи ороста.

Бузургони Эрон тавонгар шуданд,
Басе низ бо тахту афсар шуданд.

В-аз он пас далерони пархошҷӯй
Ба тороҷи Мукрон ниҳоданд рӯй.

---

1. М-пайкор шуду парри тир.
2. М-замин.
3. М- қир.
4. Л-яке.
5. Л-бингарем.
6. М-бадтар аз баччаи.
7. И-б. 1943 нест.

www.sattor.com

Хурӯши занон хост аз шаҳру дашт,
Ҳама шаҳри Мукрон пуровоз[1] гашт.

Ба дижҳову*[2] шаҳр оташ андарзаданд,
Ҳаме осмон бар замин барзаданд.

Бихастанд аз эшон фаровон ба тир,
Зану кӯдаки хурд карданд асир.

Чу кам шуд бар он анҷуман хашми шоҳ,
Бифармуд, то боз гардад сипоҳ.

Ҳамон низ*[3] то Ашкаши тезҳуш
Биёромад[4] аз ғорату ҷангу ҷӯш.

Касеро намонад, ки зиштӣ кунад,
Магар[5] бо нажандон[6] дуруштӣ кунад.

Аз он шаҳр ҳар кас, ки буд порсо,
Ба пӯзиш биёмад бари подшо,

Ки «Мо бегуноҳему бечораем,
Ҳамеша ба ранҷи ситамкораем.

Гар эдун, ки бинад сари бегуноҳ
Бубухшад, сазовор бошад зи шоҳ.[7]

Хурӯше баромад зи пардасарой,
Ки эй паҳлавонони фархундарой.

Аз ин пас гар ояд зи ҷое хурӯш,
Зи бедодиву ғорату ҷангу ҷӯш.

---

1. Л-пур аз бим.
2. М-дарҳои.
3. М-Бифармуд.
4. И-Биёмад.
5. ИЛ-В-агар.
6. ИМ – Нажанде.
7. ТПЗМ – Аз эшон чу бишнид фархунда шоҳ,
Бифармуд, то бонг зад бар сипоҳ.

www.sattor.com

Ситамкорагонро кунам бар ду ним,
Касе к-ӯ надорад зи додор бим.

Ҷаҳондор соле ба Мукрон бимонд,
Зи ҳар ҷой киштигаронро бихонд.

Чу омад баҳору замин гашт сабз,
Ҳама кӯҳ пурлолаву дашт сабз,

Чарогоҳи аспону ҷои шикор
Биёрост боғ аз гулу мевадор.

Бифармуд, то Ашкаши некхоҳ[1]
Ба Мукрон бимонад яке чанд гоҳ.

Наҷӯяд ҷуз аз хубиву ростӣ
Наёрад ба дод-андарун костӣ.[2]

В-аз он шаҳр роҳи биёбон гирифт,
Ҳама ранҷҳо бар дил осон гирифт.

Чунон шуд ба фармони Яздони пок,
Ки андар биёбон надиданд хок.

Ҳаво пур зи абру замин пурхавид,
Ҷаҳоне пур аз лолаву шанбалид.

Хуришҳои мардум ҳаме рафт пеш,
Ба гардуну зер-андарун*[3] говмеш.

Ба дашт-андарун сабзаву ҷои хоб,
Ҳаво пур зи абру замин пур зи об.

---

1. ИЛМ – Ба Ашкаш бифармуд, то бо сипоҳ.
2. И-пас аз б. 1965 ин б. омада:
   Ҳаме бошад он ҷо ба фармони шоҳ
   Нигаҳбони он марзу тахту кулоҳ
   Чу ин карда шуд, шоҳи ботарсу дод
   Ҳамон гаҳ сар андар биёбон ниҳод.
3. М- гарданда гардун.

www.sattor.com

ГУЗАШТАНИ КАЙХУСРАВ АЗ ОБИ ЗИРЕҲ

Чу омад ба наздики оби Зиреҳ,
Кушоданд гурдон миён аз гиреҳ.

Ҳама корсозони дарё ба роҳ
Зи Чину зи Мукрон ҳаме бурд шоҳ.

Ба хушкӣ бикард, ончи боист кард,
Чу киштӣ бар об андарафканд мард.

Бифармуд, то тӯша бардоштанд,
Зи яксола то об бугзоштанд.

Ҷаҳондори некахтари роҳҷӯй
Бирафт аз лаби об пуробрӯй.[1]

Бар он бандагӣ-бар физоиш гирифт,
Ҷаҳонофаринро ниёиш[2] гирифт.[3]

Ҳаме хост аз кирдгори баланд,
Ки ӯро ба хушкӣ барад бегазанд.

Ҳаме гуфт, к-эй кирдгори ҷаҳон,
Шиносандаи ошкору ниҳон,

Нигаҳдори хушкиву дарё туӣ,
Худованди чарху[4] сурайё туӣ.

Нигаҳ дор ҷону сипоҳи маро,
Ҳам он ганҷу тахту кулоҳи маро.

Пурошӯб дарё аз он гуна буд,
К-аз ӯ кас нарастӣ ба дил ношахуд.

Ба шаш моҳ киштӣ бирафтӣ бар об,
К-аз ӯ сохтӣ ҳар касе ҷои хоб.

1. Л-бар обрӯй.
2. ИЛ- ситоиш.
3. ТПИЛМ – Ҳамон сози ҷангу сипоҳи варо,
Бузургони Эрону гоҳи варо.
4. Л- худои сурӣ то.

www.sattor.com

Ба ҳафтум, ки ниме гузаштӣ зи сол
Шудӣ кажжу бе роҳ*[1] боди шимол.

Сари бодбон тез бардоштӣ,
Ҳала пеши маллоҳ бугзоштӣ.

Ба ҷое кашидӣ зи роҳи хирад,
Ки маллоҳ хондиш фамм-ул-асад.

Чунон хост Яздон, ки боду ҳаво
Нашуд тунд[2] бо ахтари подшо.

Шигифт андар он об монда сипоҳ,
Намудӣ ба ангушт ҳар як ба шоҳ.

Ба об-андарун шер диданду гов,
Ҳаме доштӣ гов бо шер тов.

Ҳам он мардуму мӯйҳо*[3] чун каманд,
Ҳама тан пур аз пашм чун гӯсфанд.

Гурӯҳи сарон чун сари говмеш,
Ду даст аз паси пушт буд пой пеш.

Яке тан чу моҳиву сар чун паланг,
Яке сар чу гӯру танаш чун наҳанг.[4]

Якеро сари хуку тан чун бара,
Ҳама об аз инҳо будӣ яксара.

Намудӣ ҳаме ин бад-он, он бад-ин,
Ҳаме хонандӣ ҷаҳонофарин.[5]

Ба бахшоиши кирдгори сипеҳр
Ҳаво ром шуд, бод нанмуд чеҳр.

---

1. М-Бад-он сӯ фикандиш.
2. ИЛ – каж.
3. М-Ҳам он мардуму мӯяшон.
4. Л-б. 1991 нест.
5. ИЛ- ба дод офарин.

www.sattor.com

Гузаштанд бар об дар ҳафт моҳ,
Ки боде накард андар эшон нигоҳ.

Чу Хусрав зи дарё ба хушкӣ расид,
Нигаҳ кард ҳомун, ҷаҳонро бидид.

Биёмад ба пеши ҷаҳонофарин,
Бимолид бар хок*[1] рух бар замин.

Баровард киштиву заврақ зи об,
Шитоб омадаш, буд ҷои шитоб.

Биёбон-ш пеш омаду регу дашт,
Таносон ба реги равон баргузашт.

Ҳама шаҳрҳо-дид бар сони Чин,
Забонҳо ба кирдори Мукронзамин.[2]

Бад-он шаҳрҳо - дар биёсуд шоҳ,
Хуриш хост чанде зи баҳри сипоҳ.

Супурд он замин Гевро шаҳрёр,
Бад-ӯ гуфт: «Бар хур ту[3] аз рӯзгор.

Дуруштӣ макун бо гунаҳкор низ,
Ки беарҷ шуд бар дилам ганҷу чиз.

Аз ин пас надорам касеро ба кас,
Парастиш кунам пеши фарёдрас.

Зи лашкар яке номвар баргузид,
Ки гуфтори ҳар кас бидонад шунид,

Фиристод наздики шоҳон паём,
Ки ҳар кас, ки ӯ ҷӯяд орому ком,

Биёянд хуррам бад-ин боргоҳ,
Ба дил шоду некидиҳиш некхоҳ.

---

1. М- Фаровон бимолид.
2. И-б. 1998, 2000 нест.
3. Л-шодон зӣ.

www.sattor.com

Ҳар он кас, ки ӯ з-ин сухан бугзарад,
Зи рои*[1] бади хеш кайфар барад»[2].

Фиристода чун назди эшон расид,
Паёми шаҳаншоҳро густарид.[3]

Бигуфтанд ҳар як, ки «Мо кеҳтарем,
Агар кеҳтариро худ андарх(в)арем»[4].

Касе*[5] сар напечид аз он меҳтарон,
Ба даргоҳ рафтанд пиру ҷавон.[6]

Ба даргоҳи шоҳ омада бо нисор.[7]
Ҳам аз марзбонону ҳам шаҳрёр.[8]

Чу Хусрав чунон дид[9], бинвохтшон,
Ба хуршед гардан барафрохтшон.

Пас аз Гангдиж бозҷуст огаҳӣ,
Зи Афросиёбу зи тахти меҳӣ.

Чунин гуфт гӯяндае з-он гурӯҳ,
Ки «Эдар на об аст пешат, на кӯҳ.

Агар бишмарӣ сар ба сар неку бад,
Фузун нест то Ганг фарсанг сад[10].

Аз он шоҳи бедодгар ҷон намонд,*[11]
Зи бедод мардум фаровон намонд.

---

1. М-хуи.
2. И-б. 2008 нест.
3. Л-2009 нест.
4. Л- Яке сар напечид аз ин боргоҳ,
   Бирафтанд яксар ба фармони шоҳ.
5. М- Яке.
6. ЛМ – чун кеҳтарон.
7. И-б. 2011 нест.
8. Л-б. 2012 нест.
9. Л- чу дидор шуди шоҳ.
10. ТПЗ – Бад-он сон, ки пури Сиёваш туӣ,
    Ба разм-андарун обу оташ туӣ.
11. М-Бар он сӯ, ки солори Турон биронд.

www.sattor.com

Кунун то баромад зи дарёи об
Ба ганг аст бо мардум Афросиёб».

Аз он огаҳӣ шод шуд шаҳрёр,
Шуд он ранҷҳо бар дилаш низ хор.

Бар он мардумон хилъат оростанд,
Пас аспи ҷаҳондидагон хостанд.

Бифармуд то бозгаштанду шоҳ
Сӯи Гангдиж рафт худ бо сипоҳ.

РАСИДАНИ КАЙХУСРАВ БА ГАНГ

Сипаҳро биёрост, рӯзӣ бидод,
Зи Яздони некидиҳиш кард ёд.

Ҳаме гуфт, ҳар кас, ки ҷӯяд бадӣ,
Бупечад зи бодафраи эзадӣ.

Набояд, ки бошед як тан ба шаҳр,
К-аз ӯ[1] ранҷ ёбад тани мӯр баҳр.

Ҷаҳондор чун Гангдижро бидид,
Шуд аз оби дида рухаш нопадид.

Пиёда шуд аз аспу сар бар замин,
Ҳаме хонд бар кирдгор офарин.

Ҳаме гуфт, к-эй[2] довари додпок,
Яке бандаам, дил пур аз тарсу бок.

Ту додӣ маро зӯру оину фар,
Сипоҳу дилу ахтару пову пар,

Ки ин бораи шорсони падар
Бидидам баровардa аз хок сар.

1. ИЛМ – Гар аз.
2. Л- бо.

www.sattor.com

Сиёвуш, ки аз фарри Яздони пок
Чунин бораe баркашид аз мағок,

Ситамгар буд он к-ӯ ба бад охт даст,
Дили ҳар кас аз куштани ӯ бихаст.

Бар он бора бигрист яксар сипоҳ
Зи хуни[1] Сиёвуш, ки буд бегуноҳ.

Ба дасти бадандеш-бар кушта шуд,
Чунин тухми кин дар ҷаҳон кишта шуд.

Пас огоҳӣ омад ба Афросиёб,
Ки шоҳи ҷаҳонгир бугзошт об.

Шунида ҳаме дошт андар нуҳуфт,
Биёмад шаби тира, бо кас нагуфт.

Ҷаҳондидагонро ҳамон ҷо бимонд,
Дили пур зи тимор танҳо биронд.

Чу Кайхусрав омад ба Ганг-андарун,
Саре пур зи тимору дил пур зи хун.

Бидид он дилафрӯз боғи биҳишт,
Чаманҳои[2] ӯ чун чароғи биҳишт.

Ба ҳар гӯшае чашмаву гулситон,
Замин сунбулу шох булбулситон.

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки инат ниҳод,
Ҳам эдар бибошем то марг шод.

В-аз он пас бифармуд бедоршоҳ
Нигаҳ кардани шоҳи туронсипоҳ.

Биҷустанд бар дашту боғу сарой,
Гирифтанд бар ҳар сӯе раҳнамой.

1. ИЛМ – дарди.
2. И – Самарҳои.

www.sattor.com

Ҳаме рафт ҷӯянда чун беҳушон,
Магар з-ӯ биёбад ба ҷое нишон.

Чу бар ҷустанаш тез биштофтанд,
Фаровон зи касҳои ӯ ёфтанд.

Бикуштанд бисёр кас бегуноҳ,
Нишоне наёмад зи бедодшоҳ.

Ҳаме буд дар Гангдиж шаҳрёр
Яке[1] сол бо ромишу майгусор.

Ҷаҳон чун биҳишти диловез буд,
Пур аз гулшану боғу полез буд[2].

Ба рафтан ҳаме шоҳро дил надод,
Ҳаме буд дар Ганг пирӯзу шод.

Ҳама паҳлавонони эронсипоҳ
Бирафтанд як рӯз*[3] наздики шоҳ,

Ки гар шоҳро дил наҷунбад зи ҷой
Сӯи шаҳри[4] Эрон наёяд-ш рой.

Ҳамоно бадандеш[5] Афросиёб
Гузаштаст аз он сӯи дарёи об.

Чунон пир бар гоҳ Ковусшоҳ,
На авранги[6] фарру на ганҷу сипоҳ.[7]

Гар ӯ сӯи Эрон шавад пур зи кин,
Кӣ бошад нигаҳдори[8] Эронзамин?

1. И-Ба як.
2. Л-б. 2047 нест.
3. М- Яксар ба.
4. ИЛМ – тахти.
5. ИЛ-наёбӣ ту.
6. Л-рӯи.
7. ТПЗ – Сарону сипоҳи ҷаҳон бо туанд,
Сухандону корогаҳон бо туанд.
8. ИЛМ – нигаҳбони.

www.sattor.com

Гар ӯ боз бо тахту афсар шавад,
Ҳама ранҷи мо пок бебар шавад.

2055 Аз он пас ба эрониён шоҳ гуфт,
Ки «Ин панд бо судмандист ҷуфт».

Аз он шорсон пас меҳонро бихонд,
В-аз он ранҷи бурда фаровон биронд.

Аз эшон касеро ки шоиста буд,*[1]
Гиромитар аз[2] шаҳр боиста буд,*[3]

Танашро ба хилъат биёрост шоҳ[4],
Зи диж бораи марзбон хост шоҳ[5].

Бад-ӯ гуфт: «Эдар ба шодӣ бимон
Ҳамеша пурандешаи[6]*[7] бадгумон.

2060 Бубахшид чандон, ки буд хоста,
Зи аспону аз ганҷи ороста.

Ҳама шорсон з-ӯ тавонгар шуданд,
Чи бо ёраву тахту афсар шуданд.

БОЗГАШТАНИ КАЙХУСРАВ ЗИ ГАНГДИЖ СӮИ СИЁВУШГИРД

Бад-он гаҳ, ки бедор гардад хурӯс,
Зи даргоҳ бархост овои кӯс.

Сипоҳи шитобандаву роҳҷӯй
Ба сӯи биёбон ниҳоданд рӯй.

1. М-шоистатар.
2. И-Гиромитару.
3. М-боистатар.
4. ИЛ-биёростанд.
5. ИЛ-хостанд.
6. ИЛ-бар андешаи.
7. М- Зи дил баркан андешаи бадгумон.

www.sattor.com

Ҳама[1] номдорони ҳар кишваре
Бирафтанд ҷое, ки буд меҳтаре.

Хуришҳо бибурданд чанде ба роҳ,
Ки буд аз дари шаҳрёру сипоҳ.

Ба роҳе ки лашкар ҳаме баргузашт,
Дару дашт яксар чу бозор гашт.

Касеро набуд дил, ки накшод даст,
Ба кӯҳу биёбону ҷои нишаст.

Бузургон, ки бо ҳадяву бо нисор
Пазира шуданді бари шаҳрёр,

Чу диданді он хусрави сарфароз
Ба наздики ӯ ҷумла бурдӣ намоз.[2]

Чу хилъат фароз омадишон зи ганҷ,
Наҳиштӣ, ки бо вай бирафтӣ ба ранҷ.

Пазира шудаш Гев бо лашкаре
В-аз он шаҳр ҳар кас, ки буд меҳтаре,[3]

Ҷаҳондори бедор*[4] бинвохташ[5],
Ба расми падар ҷойгаҳ сохташ[6].

Чу Хусрав ба наздики дарё[7] расид,
Фуруд омаду бодбонҳо бидид.

Ду ҳафта бар он рӯи дарё бимонд,
Зи дидор бо Гев чанде биронд.

---

1. Л-Аз он.
2. ИЛ-б. 2069 нест.
3. ТПЗИЛ – Чу дид он сару фарраи сарфароз,
   Пиёда шуду бурд пешаш намоз.
4. М- Ҷаҳондор бисёр.
5. И-Ҷаҳондор бисёр бинвохтшон.
6. И- сохтшон.
7. ИЛ-киштӣ.

www.sattor.com

Ҳаме гуфт: «Ҳар, к-ӯ надидаст Ганг,
Набояд, ки хоҳад ба гетӣ диранг.

Бифармуд, то кор бархостанд,
Ду заврақ ба об-андар андохтанд.

Паси заврақ-андар зи киштӣ ҳазор
Ба об-андарун ронд пас шаҳрёр.

Шиносои киштӣ ҳар он кас, ки буд,
Ки бар жарфдарё далерӣ намуд.

Бифармуд, то бодбон баркашид,
Ба дарёи бепоя андаркашид.

Ҳамон оби дарёи яксола роҳ
Чунон тез шуд бод дар ҳафт моҳ,

Ки он шоҳу лашкар бад-ин сӯ гузашт,
Ки аз бод каж остин барнагашт.[1]

Сипаҳдор чун сӯи хушкӣ кашид,[2]
Бурун шуд зи[3] киштиву ҳомун бидид,

Биёмад, бимолид рухро ба хок
Ниёишкунон пеши Яздони пок.

Хуриш карду пӯшиш фаровон яла,
Ба маллоҳу он кас, ки кардӣ ҳала.

Бифармуд динору хилъат зи ганҷ,
Ба киштӣ касеро, ки бурданд ранҷ.

В-аз он об роҳи биёбон гирифт,
Ҷаҳоне бад-ӯ монда андар шигифт.

Чу огоҳ шуд Ашкаш омад ба роҳ
Або лашкари сохта пеши шоҳ.

---

1. Л-Ки дар ҳафт маҳ боди ӯ каҷ нагашт.
2. Л- расид.
3. ЛМ- Бубастанд киштиву.

www.sattor.com

Пиёда шуд аз аспу рӯи замин
Бибӯсиду бар шоҳ кард офарин.

Ҳама шаҳри Мукрон биёростанд,
Зи ҳар ҷой ромишгаре[1] хостанд.

Ҳама роҳ бероҳ овои руд,
Ту гуфтӣ ҳаво тор буд, руд пуд.

Ба девор дебо баровехтанд,
Шакар бо дирам зери пай рехтанд.

Ба Мукрон ҳар он кас, ки буд меҳтаре
В-агар номдореву кундоваре,

Бирафтанд бо ҳадяву бо нисор
Ба наздики пирӯзгар шаҳрёр.

В-аз он марз чандон, ки буд хоста,
Фароз оварид Ашкаш ороста.

Аз Ашкаш пазируфт шоҳ, он чи дид,
В-аз он номдорон яке баргузид.

Варо кард меҳтар ба Мукронзамин,
Басе хилъаташ дод,[2] кард офарин.

Чу омад зи Мукрон ба наздики Чин
Худу сарфарозони Эронзамин,

Пазира шудаш Рустами Золи Сом,
Сипоҳе кушодадилу шодком.

Чу аз дур Кайхусрав омад падид,
Савори сарафроз чатраш бидид.

Пиёда шуд аз дуру бурдаш намоз,
Гирифташ ба бар шоҳи гарданфароз.

1. ИЛ- ромишгарон.
2. ИЛ- доду.

www.sattor.com

Бигуфт он шигифте, ки дид андар об
Зи гум будани ҷоду Афросиёб.

Ба Чин низ меҳмони Рустам бимонд,
Ба як ҳафта аз Чину Мочин биронд.

Ба фағфуру Хоқон супурд он замин,
Басе шоҳро хонданд офарин.

Басе хилъату пандҳо додашон
Зи ғам кард яксар дилозодашон.[1]

2105 Ҳаме рафт сӯи Сиёвахшгирд,
Ба моҳи сифандормуз рӯзи ирд.

Чу омад бад-он шорсони падар
Ду рухсор[2] пуробу пурхун[3] ҷигар,

Ба ҷое ки Гарсевази баднишон
Гурӯи банафрину мардумкушон

Сари шоҳи Эрон буриданд хор,
Биёмад ба он ҷойгаҳ шаҳрёр.

Ҳаме рехт бар сар аз он тирахок
Ҳаме кард рӯву бари хеш чок.

2110 Бимолид Рустам бар он хок рӯй,
Ба нафрин сияҳ кард ҷони Гурӯй.

Ҳаме гуфт Кайхусрав: «Эй шаҳрёр,
Маро мондӣ дар ҷаҳон ёдгор.

Намондам ба кини ту монида чиз,
Ба ранҷ-андарам, то ҷаҳон аст низ.

Бипардохтам тахт з-Афросиёб
В-аз ин пас на ором ҷӯям, на хоб.

1. ИЛМ –б. 2103 нест.
2. ИЛ – рухсора.
3. ИЛ- хаста.

www.sattor.com

Бар уммеди он, к-аш ба чанг оварам,
Ҷаҳон пеши ӯ тору танг оварам».

Аз он пас бар он ганҷ бинҳод сар,
Ки модар бар ӯ ёд кард аз падар.

Дари ганҷ букшоду рӯзӣ бидод,
Ду ҳафта бар он шорсон буд шод.

Ба Рустам дусад бадра динор дод,
Ҳам он Гевро чиз бисёр дод.

Чу бишнид Густаҳми Нӯзар, ки шоҳ
Бар он шорсони падар кард роҳ.

Пазира шудаш бо сипоҳи гарон,
Аз Эрон бузургону кундоварон.

Чу аз дур дидаш сару тоҷи шоҳ,
Пиёда фаровон бипаймуд роҳ.

Сипаҳ*[1] яксара хонданд офарин
Бар он додгар шаҳрёри замин.

Ба Густаҳм фармуд, то барнишаст,
Ҳаме рафт шодону дасташ ба даст.

Кашиданд аз он рӯй ба Б-ҳиштганг,
Сипаҳро ба наздики шоҳ обу ранг.

Вафо чун дарахте бувад мевадор,
Куҷо ҳар замоне нав ояд ба бор.

Наёсуд як тан зи хӯрду шикор,
Ҳамон як савора, ҳамон шаҳрёр.

Зи туркон ҳар он кас, ки буд сарфароз,
Шуданд аз навозиш ҳама бениёз.

1. М- Ҳама.

www.sattor.com

Ба рахшандарӯзу ба ҳангоми хоб
Ҳаме огаҳӣ ҷуст з-Афросиёб.

Аз эшон касе з-ӯ нишоне надод,
Накарданд аз ӯ дар ҷаҳон низ ёд.

Ҷаҳондор як шаб сару тан бишуст,
Бишуд дур бо дафтари Занду Уст.

Ҳама шаб ба пеши ҷаҳонофарин
Ҳаме буд гирёну сар бар замин.

Ҳаме гуфт, к-«Ин бандаи нотавон
Ҳамеша пур аз дард дорад равон.

Ҷаҳон кӯҳу дашту[1] биёбону об
Ҳаме кӯбам аз баҳри Афросиёб,

Ки ӯ роҳи ту додгар наспарад,
Касеро зи гетӣ ба кас нашмарад.

Ту донӣ, ки ӯ нест бар доду роҳ
Басе рехт хуни сари бегуноҳ.

Магар бошадам додгар як Худой
Ба наздики он бадкуниш раҳнамой.

Вагар низ ман носазо бандаам,
Парастандаи офаринандаам,

Ба гетӣ аз ӯ ному овоз нест,
Зи ман роз бошад, зи ту роз нест.

Агар з-ӯ ту хушнудӣ, эй додгар,
Маро бозгардон зи пайкор сар.

Бикуш дар дил ин оташи кини ман,
Ба оини хеш овар оини ман».

1. ИЛ- регу.

www.sattor.com

Зи ҷои ниёиш биёмад ба тахт
Ҷавони сарафрози бедорбахт.

Ҳаме буд як сол ба Б-ҳиштганг,
Баросуд аз ҷунбишу сози ҷанг.

БОЗГАШТАНИ КАЙХУСРАВ АЗ ТУРОН БА ЭРОНЗАМИН

Чу будан ба Ганг-андарун шуд дароз,
Ба дидори Ковусаш омад ниёз.

Ба Густаҳми Нӯзар супурд он замин
Зи Қипчоқ*[1] то пеши дарёи Чин.

Беандоза лашкар ба Густаҳм дод,
Бад-ӯ гуфт, бедордил бошу шод.

Ба Чину ба Мукронзамин даст ёз,
Ба ҳар кас фиристодани нома соз.

Ҳаме ҷӯй з-Афросиёб огаҳӣ
Магар з-ӯ шавад рӯи гетӣ тиҳӣ.

В-аз он ҷойгаҳ хоста, ҳарчи буд
Зи динору аз гавҳари нобисуд,

Зи мушку зи кофуру заринситом,
Ҳамон ёраву аспу тахту ғулом,

Зи густорданиҳову дебои Чин
Зи чизе ки хезад зи Мукронзамин,

Зи говони гардункашон чил ҳазор
Ҳаме ронд пеш-андарун шаҳрёр.*[2]

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки кас пеш аз ин
Надиду набуд хоста беш аз ин.

1. М- Качғор.
2. М-пур зи бор.

www.sattor.com

Сипаҳ буд чандон, ки бар кӯҳу дашт
Ҳаме дар шабу рӯз лашкар гузашт.

Чу дидор бардоштӣ пешрав,
Ба манзил расидӣ ҳаме нав ба нав.

Биёмад бад-ин ҳамнишон то ба Чоҷ
Биёвехт тоҷ аз бари тахти оҷ.

Ба Суғд-андарун буд як ҳафта беш,
Талимону Хузон ҳаме рафт пеш.

В-аз он ҷо ба шаҳри Бухоро кашид,
Зи лашкар замин шуд ҳаме нопадид.

Бихӯрду биёсуду як ҳафта буд,
Дувум ҳафта бо ҷомаи нобисуд.

Ғамӣ шуд[1] аз он рӯзҳои шуда,
Биёмад хурӯшон ба оташкада,

Ки Тури Фаридун бароварда буд,
Бад-ӯ - андарун кохҳо[2] карда буд.[3]

Бигустард бар мӯбадон симу зар,
Ба оташ пароканда чанде гуҳар.

В-аз он ҷойгаҳ сар ба рафтан ниҳод,
Ҳаме рафт бо коми дил шоҳ шод.

Зи Ҷайҳун гузар кард бар сӯи Балх,
Чашида зи гетӣ басе шӯру талх.

Ба Балх-андарун буд як ҳафта шоҳ
Сари ҳафта аз Балх бугзид роҳ.

1. И-буд.
2. Л-андар айвонҳо.
3. И-б. 2159 нест;
ТПЗ – Ниёишкунон пеши Яздони пок
Бимолид рухро бар он тирахок.

www.sattor.com

Ба ҳар шаҳр-дар номвар меҳтаре
Бимондӣ сарафроз бо лашкаре.

Бубастанд озин ба бероҳу роҳ,
Ба ҷое ки бугзашт шоҳу сипоҳ.

Сӯи Толқон омаду Марврӯд,
Ҷаҳон пур шуд аз нолаи ною руд[1].

Ҳама шаҳр яксар биёростанд,
Маю руду ромишгарон хостанд.

Дирам рехтанд аз бару заъфарон,
Чу[2] динору мушк аз карон то карон.

В-аз он сӯ ба роҳи Нишопур шоҳ
Биёвард пилону ганҷу сипоҳ.[3]

Ба шаҳр- андарун ҳар кӣ дарвеш буд,
Ва гар хурдаш аз кӯшиши хеш буд,

Дирам дод мар ҳар якеро зи ганҷ,
Пароканда шуд бадра панҷоҳу панҷ.

В-аз он ҷо сӯи Домғон баркашид,
Ҳама роҳ зарру дирам густарид.

Ба як ҳафта он ҷо биёсуд шоҳ,
Ҳамон дид пилону аспу сипоҳ.[4]

Сари ҳафтаро кард оҳанги Рай
Ҳама роҳ бо ромишу руду май.

Ду ҳафта бубахшиду ҳам дод кард,[5]
Севум ҳафта оҳанги Бағдод кард.

1. Л-б. 2166 нест.
2. Л-Чи.
3. Л-б. 2169 нест.
4. ИЛМ-б. 2172, 2173 нест.
5. Л-бар ин низ бахшиду х(в)ард; ИМ – бар ин низ бахшид мард.

www.sattor.com

Ҳаюнон фиристод чанде зи Рай
Сӯи Порс наздики Ковуси Кай.

БОЗОМАДАНИ КАЙХУСРАВ БА НАЗДИ НИЁ

Дили шоҳ аз он огаҳӣ тоза шуд,
Ту гуфтӣ, ки бар дигар андоза шуд.

Бар айвонҳо тахти заррин ниҳод,
Ба хона-дар ороиши Чин ниҳод.

Бубастанд озин ба шаҳру*[1] ба роҳ,
Ҳама барзану кӯю бозоргоҳ.

Пазира шудандаш ҳама меҳтарон,
Бузургони Эрону[2] кундоварон.

Ҳама роҳу бероҳ гунбад зада,
Ҷаҳон шуд чу[3] дебо ба зар озада.

Ҳама мушку гавҳар баромехтанд,
Зи гунбад ба сарҳо фурӯ рехтанд.

Чу берун шуд аз шаҳр Ковуси Кай
Або номдорони фархундапай,

Ниёро бидид аз карон шоҳи нав,
Барангехт он бораи тундрав.[4]*[5]

Гирифтанд мар якдигарро ба бар,
Басе бӯса доданд бар рӯю сар.[6]

Ҳаме ҳардувон зор бигристанд,
Ки якчанд бе орзу зистанд.

---

1. М-дашту.
2. И-ҳар шаҳру; Л-шаҳру зи.
3. Л-зи.
4. ТП – Фуруд омад аз аспу бурдаш намоз,
   Басе офарин кард Ковус боз.
5. М-тезрав.
6. ИЛ-б. 2185 нест.

www.sattor.com

Ҳаме офарин кард Ковуси Кай
Бар он шоҳи некахтару[1] некпай.

Ҳаме гуфт: «Бе ту мабодо ҷаҳон,
На тоҷи бузургиву тахти меҳон,

Ки хуршед чун ту надидаст шоҳ,
На аспу на ҷавшан, на тахту кулоҳ.

Зи Ҷамшед то бар Фаридун расид,
Сипеҳру замин чун ту шоҳе надид.

На з-ин сон касе ранҷ бурд аз меҳон,
Надид ошкору ниҳони ҷаҳон.

Сиёвуш гар аз дахма боз омадӣ,
Ба фарри ту ӯро ниёз омадӣ.

Гар ӯ шуд,[2] ҷаҳон бар ту фархунда бод,
Дилу ҷони бадхоҳи ту канда бод!»

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Ин ба бахти ту буд,
Барӯманд шохи дарахти ту буд.

Касе к-аш ба гетӣ ту бошӣ ниё,
Бирӯяд мар ӯро зи хоро гиё».*[3]

Ниёяш бибӯсид дандону лаб,
Ки «Бе ту мабодо маро рӯзу шаб!»[4]

Забарҷад биёварду ёқуту зар,
Ҳаме рехт бар тораки шоҳ-бар.

Бад-он гуна то тахти гавҳарнигор
Шудаш пояҳо нопадид аз нисор.

1. ИЛ- некахтари.
2. ИМ – Ки равшан.
3. М-б. 2195 нест.
4. И-б. 2193-2196 нест; Л-б. 2194-2195 нест.

www.sattor.com

Бифармуд пас,*[1] к-анҷуманро бихон,
Бар айвони дигар баророй хон.

Нишастанд бар гулшани зарнигор
Бузургони пурмоя бо шаҳрёр.

Ҳаме гуфт шоҳ, он шигифте ки дид,
Ба дида надида, на аз кас шунид.

Зи дарёву аз Гангдиж ёд кард,
Лаби номдорон пур аз бод кард.

Аз он хуррамишаҳру он дашту роғ
Чаманҳову полезҳо чун чароғ.

Бад-ӯ монд Ковуси Кай дар шигифт,
Зи кирдораш андозаҳо баргирифт.

Бад-ӯ гуфт: «Рӯзи наву моҳи нав
Зи гуфторҳои нави шоҳи нав.

На чун ту касе дар[2] ҷаҳон шоҳ дид,
На ин достон гӯш ҳаргиз шунид.

Кунун мо бад-ин ахтари нав кунем,
Ба май - дар ҳаме ёди Хусрав кунем.

Биёрост он гулшани зарнигор,
Май оварду ёқутлаб майгусор.

Ба як ҳафта з-айвони Ковуси Кай
Ҳаме мавҷ бархост аз ҷоми май.

Ба ҳаштум дари ганҷ букшод шоҳ,
Ҳаме сохт ин ранҷро пойгоҳ.

Бузургон, ки буданд бо ӯ ба ҳам
Ба разму ба базму ба шодиву ғам,

1. М-шаҳ.
2. ИЛ- к-андар.

www.sattor.com

Бар андозашон хилъат оростанд,
Зи ганҷ он чи пурмоятар, хостанд.

Бирафтанд ҳар кас[1] сӯи кишваре
Сарафроз бо номвар лашкаре.

Бипардахт аз он пас ба кори сипоҳ
Дирам дод яксола аз ганҷ шоҳ.

В-аз он пас нишастанд бе анҷуман
Ниёву ҷаҳонҷӯй бо ройзан.

Чунин гуфт Хусрав ба Ковусшоҳ,
Ки «Ҷуз*[2] кирдгор аз кӣ ҷӯем[3] роҳ?

Биёбону яксола дарёву кӯҳ
Бирафтем бо доғи дил як[4] гурӯҳ.

Ба кӯҳу биёбону*[5] дарёву об
Нишоне надидам зи Афросиёб.

Гар ӯ як замон андарояд ба Ганг,
Сипоҳ орад аз ҳар сӯе бедиранг.

Ҳама[6] ранҷу сахтӣ ба пеш-андар аст
Агарчандамон додгар ёвар аст.

Ниё чун шунид аз набера сухун,
Яке панди пирона афканд бун.

Бад-ӯ гуфт: «Мо ҳамчунин бо[7] ду асп
Битозем то хони озаргушасп.

Сару тан бишӯем бо пову даст,
Чунон чун бувад марди яздонпараст.

1. ИЛ-як.
2. М-Ҷуз аз.
3. И- ҷӯям.
4. И-Гирифтам чунин доғдил бо.
5. М-ҳомуну кӯҳу.
6. Л- Ҳамин.
7. ИЛ-бар.

www.sattor.com

Ба зорӣ або кирдгори ҷаҳон
Ба замзам кунем офарини ниҳон.

Бибошем дар пеши озар ба пой
Магар покяздон бувад раҳнамой.

Ба ҷое ки ӯ дорад оромгоҳ,
Намояд намояндаи дод роҳ.

Бар ин рой[1] гаштанд ҳар ду яке,
Нагардид як тан зи роҳ андаке.

Нишастанд чун бод ҳарду бар асп
Дамон то дари*[2] хони озаргушасп.[3]

Бирафтанд бо ҷомаҳои сапед
Пур аз тарс дил, як ба як пурумед.

Чу оташ бидиданд, гирён шуданд,
Чу бар оташи тез бирён шуданд.

Бар он ҷойгаҳ зору гирён ду шоҳ
Ба пеши худованди хуршеду моҳ.*[4]

Ҷаҳонофаринро ҳаме хонданд,
Бар он мӯбадон гавҳар афшонданд.

Чу Хусрав ба оби мижа рух бишуст,
Барафшонд динор бар Занду Уст.

Ба як ҳафта бар пеши Яздон буданд,
Мапиндор, к-оташпарастон буданд,

Ки оташ бад-он гоҳ меҳроб буд,
Парастандаро дида пуроб буд.

1. И-роз.
2. М-Давон то сӯи.
3. Л-б. 2223-2228 нест.
4. М-Бибуданд бо дард фарёдхоҳ.

www.sattor.com

Агарчандат андеша гардад дароз,
Ҳам аз покяздон наӣ бениёз.

Ба як моҳ дар Озарободагон
Бибуданд шоҳону озодагон.[1]

ГИРИФТОР ШУДАНИ АФРОСИЁБ БАР ДАСТИ ҲУМ АЗ НАЖОДИ ФАРИДУН

В-аз он пас чунон буд, ки Афросиёб,
Ҳаме гашт ҳар ҷой бехурду хоб.

На эмин ба ҷону на тан судманд,
Ҳамеша ҳаросон зи бими газанд.

Ҳаме аз ҷаҳон ҷойгоҳе биҷуст,
Ки бошад ба ҷон эмину тандуруст.

Ба наздики Барда яке ғор дид,*[2]
Сари кӯҳи ғор аз ҷаҳон нопадид.*[3]

Надид аз бараш ҷои парвози боз,
На зераш паи шеру ҷои гуроз.

Зи ҳар шаҳр дуру ба наздики об,
Ки хонӣ ҳаме Ҳанги[4] Афросиёб.

Бишуд шоҳи бечора наздики кӯҳ,
Чу дидаш бад-он гуна дур аз гурӯҳ,[5]

Хуриш бурд, аз бими ҷон ҷой сохт,
Ба ғор-андарун ҷой бо лой сохт.

Ҳаме буд чанде ба ғор[6]- андарун,
Зи карда пушаймону дил пур зи хун.

---

1. И-боумед.
2. И-б. 2237 нест.
2. М-буд.
3. М-хоро ҳаворо бисуд.
4. Л-Хона ҳамекандӣ.
5. ИЛМ-б. 2244 нест.
6. Л-хона.

www.sattor.com

Чу хунрез гардад дили сарфароз,
Ба тахти каӣ барнамонад дароз.

Чунон шаҳрёре худованди тахт,
Ҷаҳондори некахтари некбахт.

Чу хунрез шуд, душман омад падид,
Хунук шоҳ, к-ӯ хуни шоҳон надид.

Яке некмард андар он рӯзгор
Зи тухми Фаридуни омӯзгор.

Парастанда бо фарру бурзи каён,
Ба зуннори Кайшоҳ*[1] баста миён.

Парастишгаҳаш кӯҳ будӣ ҳама,
Зи шодӣ шуда дуру дур аз рама.

Куҷо номи он номвар Ҳум буд,
Парастанда дур аз бару бум буд.

Яке ғор*[2] буд андар он бурзи кӯҳ,
Бад-ӯ сахт наздику дур аз гурӯҳ.

Ҳаме рафт рӯзе бар он кӯҳ-бар
Зи баҳри парастидани додгар.

Ниёишкунон Ҳум бар кӯҳсор
Ба пеши ҷаҳондор парвардгор.[3]

Парастиш ҳаме кард пашминапӯш,
Зи ғораш яке нола омад ба гӯш,[4]

1. М- Ба ҳар кор бо шоҳ.
2. М- коф.
3. ИЛМ-б. 2255. 2256 нест.
4. ТПЗ – Чу он нолаи зор бишнид, тафт
Шитобон ба наздикии ғор рафт.
Бар он нолаи зор букшод гӯш,
Ки Афросиёб аз дили пурхурӯш
Ҳаме гуфт, к-эй бартар аз бартарӣ,
Зи рози дили ман ту огаҳтарӣ.

www.sattor.com

Ки зоро, саро*[1] номвар, меҳтаро,
Бузурго, зи ҳар номвар бартаро,[2]

Ҳама Турку Чин зери фармони ту,
Расида ба ҳар ҷой паймони ту.

Яке ғор дорӣ ба баҳра ба чанг,
Куҷот он бузургону мардони ҷанг?

Куҷот он ҳама ганҷу мардонагӣ
Далериву нерӯву фарзонагӣ?

Куҷот он бузургиву тахту кулоҳ,
Куҷот он бару буму чандон сипоҳ?[3]

Агарчанд ман тирагӣ кардаам,
Ба хира туро чанд озурдаам,
Ҳамон бандаи пургуноҳи туам,
Ба бечорагӣ дар паноҳи туам.
Ба ман-бар бубахшой тахту кулоҳ,
Маро боз деҳ боз ганҷу сипоҳ,
Вагарна равонам ҷудо кун зи тан,
Ки не афсару ганҷу не анҷуман!
Нахоҳам ман ин зиндагониву ранҷ,
На буму на кишвар, на тоҷу на ганҷ.
Дареғ, он ҳама кишвару буму бар.
Дареғ, он ҳама зарру ганҷу гуҳар.
Дареғ, афсари тахти заррину оҷ,
Ҳамон ёраву тавқу заррина тоҷ.
Дареғ, он ҳама теғу гурзи гарон,
Дареғ, он саворони печонинон.
Дареғо, бародар, дареғо, писар.
Чӣ омад маро аз замона ба сар?
Ба зорӣ ҳаме гуфт Афросиёб
Або хештан бо ду дида пуроб.

1. М-Шоҳо, радо
2. ЛМ – Бузургову бар доварон доваро.
3. ТПЗ – Куҷост он бару бозуи тиру чарх,
Ки акнун надорӣ аз он ҳеч барх?
Куҷот он зи ёқути рахшон нигин,
Ки фармон будаш бар ду баҳра замин?
Куҷот он бузургон ба пешат ба пой,
Ба ҳар кор буда туро раҳнамой?
Куҷот он биноҳои карда баланд,
Ки будат якояк паноҳ аз газанд?

www.sattor.com

Ки акнун бад-ин тангғор-андарӣ,
Гурезон ба сангин ҳисор-андарӣ[1]?!

Ба туркӣ чу он нола бишнид Ҳум,
Парастиш раҳо карду бугзошт бум.

Чунин гуфт, к-ин нола ҳангоми хоб
Набошад магар бонги[2] Афросиёб.

Чу андеша шуд бар дилаш-бар дуруст,
Дари ғори торик чанде биҷуст.[3]*[4]

Бидид андар он ҳанги Афросиёб,
Дар ӯ сохта ҷои орому хоб

Биёмад ба кирдори шери жиён,
Зи пашмина букшод гирди миён.

Каманде ки бар ҷои зуннор дошт,
Ки он дар паноҳи[5] ҷаҳондор дошт.

Ба ҳанг-андарун шуд гирифта*[6] ба даст,
Чу наздик шуд шоҳ, бар пой ҷаст.

Биёвехта он ду тан сахт дер,
Ба охир варо Ҳум овард зер.

Варо бар замин Ҳум афканд паст,
Чу афканда шуд, бозуи ӯ бубаст.

Ҳаме рафт ӯро пас-андар кашон,
Ҳаме тохт бо ранҷ чун беҳушон.

Куҷот он рада бар дар аз мӯбадон,
Бад-он мӯбадон ёр буда радон?
Куҷот он далерону мардони мард,
Ба пешат ситода ба рӯзи набард?

1. И-б. 2263 нест.
2. Л-они.
3. Л-б. 2266, 2267 нест.
4. М- Зи кӯҳ андаромад ба ҳангоми хоб
Бидод он дари ҳанги Афросиёб.
5. И-аз фарри шоҳи.
6. М-гирифт он.

www.sattor.com

Шигифт, ар бимонад бар ин-бар равост,
Ҳар он кас, ки ӯ дар ҷаҳон подшост.

Ҷуз аз номи некӣ набояд гузид,
Бибояд чамиду бибояд чарид.

Аз он пас, ки чандон будаш нозу ком,
Тавоноиву лашкару ганҷу ном,[1]

Зи гетӣ яке ғор бугзид рост,
Чӣ донист, к-он ҳанг доми[2] балост?

ГУРЕХТАНИ АФРОСИЁБ АЗ ДАСТИ ҲУМ

Чу он шоҳро Ҳум бозу бубаст,
Ҳаме бурд ӯро зи ҷои нишаст.

Бад-ӯ гуфт, эй марди ботарсу бок,
Парастору донанда*[3] Яздони пок.

Чӣ хоҳӣ зи ман, ман киям дар ҷаҳон,
Нишаста дар ин ғори бебун ниҳон?»[4]

Бад-ӯ гуфт Ҳум: «Ин на ороми туст,
Ҷаҳоне саросар пур аз номи туст.

Зи шоҳони гетӣ бародар кӣ кушт?
Кӣ шуд низ бо покяздон дурушт?

Чу Ағрирасу Нӯзари номдор
Сиёвуш, ки буд аз каён ёдгор,[5]

1. ИЛМ –б. 2276 нест.
2. Л-ҷон.
3. М-парастанда дар пеши.
4. ТПЗ – Яке марди бозоргонам дижам
Дирам рафтаву монда бо дарду ғам.
Гирифта сари хеш дар танги ғор,
Нишаста чунин пурғаму сӯгвор.
5. ТПЗ – Бикуштӣ, наёмад-т аз ин рӯз ёд
Чу ту шоҳи бедодгар худ мабод!

www.sattor.com

Ту хуни сари шаҳрёрон[1] марез,
На аз гоҳ дар ғори бебун гурез».[2]

Бад-ӯ гуфт, к-«Андар ҷаҳон бегуноҳ
Киро донӣ, эй марди бодастгоҳ?

Чунин ронд бар сар сипеҳри баланд,
Ки омад зи ман дарду ранҷу газанд.

Зи фармони Яздон касе нагзарад,
Агар гардани шери нар бишкарад.

Бубахшой бар ман, ки бечораам,
В-агарчанд бар тан ситамгораам.

Набера Фаридуни фаррух манам,
Зи банди камандат ҳаме бишканам.

Куҷо бурд хоҳӣ маро баста зор[3]
Натарсӣ зи Яздон ба рӯзи шумор?»

Бад-ӯ гуфт Ҳум «Эй бади бадгумон,
Ҳамоно фаровон намондат замон.

Суханҳот чун дар гулистон хав аст,
Туро ҳуш бар дасти Кайхусрав аст».

Бупечид дар Ҳумро з-ин нажанд,*[4]
Бар ӯ суст кард он каёнӣ каманд.

Чу донист, к-он марди парҳезгор
Бубахшид бар нолаи шаҳрёр,

Бупечиду з-ӯ хештан даркашид,
Ба дарё - дарун ҷасту шуд нопадид.

---

1. Л- бегуноҳон.
2. ТПЗ - Чу Афросиёб ин суханҳо шунид,
Ту гӯӣ, ки ҳуш аз сараш барпарид.
3. ИЛМ – хор.
4. М-газанд.

www.sattor.com

Чунон буд, ки Гударзи Кашводагон
Ҳаме рафт бо Геву озодагон.

Гурозону тозон ба наздики шоҳ
Ба дарё нигаҳ кард чандон зи роҳ.

Ба чашм омадаш Ҳум худ[1] бо каманд
Навон бар лаби об-бар*[2] мустаманд.

Ҳам он гунаи обро тира дид,
Парастандаро дидагон хира дид.

Ба дил гуфт, к-ин марди парҳезгор
Ҳаме аз лаби об*[3] гирад шикор.

Наҳанге магар доми моҳӣ гирифт,
Бидиду аз ӯ монда андар шигифт.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй марди парҳезгор,
Ниҳонӣ чӣ дорӣ, бикун ошкор.

Аз ин оби дарё чӣ ҷӯӣ ҳаме
Магар тиратанро бишӯӣ ҳаме?»

Бад-ӯ гуфт Ҳум: «Эй сарафроз мард,
Нигаҳ кун яке андар ин коркард.

Яке ҷой дорам бар ин теғи кӯҳ,
Парастишгаҳе низ*[4] дур аз гурӯҳ.

Шаби[5] тира дар пеши Яздон будам,
Ҳама шаб зи эзадпарастон будам.

Бад-он гаҳ, ки хезад зи мурғон хурӯш,
Хурӯшидани*[6] зорам омад ба гӯш.

---

1. Л-Бидид он замон Ҳумро.
2. М-чун.
3. М-Зи дарёи хун ҷуст.
4. М-банда.
5. Л-шабе.
6. М-Яке нолаи зорам.

www.sattor.com

Ҳамон гаҳ гумон бурд равшан дилам,
Ки ман бехи кин аз ҷаҳон бугсилам.

Бад-ин гуна навҳа ба ҳангоми хоб,
Нашояд, ки созад ҷуз Афросиёб.

Биҷастам, биҷустам ҳама кӯҳу ғор,
Бидидам дари ҳанги он номдор*[1]

Ба ҳанг-андарун хуфта он шӯрбахт,
Ҳаме зор бигрист бар тоҷу тахт.

Чу дар ҳанг рафтам, биҷаст ӯ зи ҷой,
Ҳамон санги хоро гирифташ ду пой.

Ду дасташ ба зуннор бастам чу санг,
Бад-он сон, ки хунрез гашташ ду чанг.

Зи кӯҳ андаровардамаш тозиён,
Хурӯшону навҳакунон чун занон.

Зи бас нолаи зору савганди ӯй,
Яке сусттар кардамаш банди ӯй.

Бар ин ҷойгаҳ - бар зи ҷангам биҷаст,
Дилу ҷонам аз ҷастани ӯ бихаст.

Дар ин оби ханҷаст пинҳон шудаст,
Бигуфтам ба ту роз чунон, ки ҳаст».[2]

Чу Гударз бишнид ин достон,
Ба ёд омадаш гуфтаи бостон.

Пурандеша шуд сӯи оташкада
Чунон чун бувад мардуми дилшуда.

Нахустин бар оташ ниёиш гирифт,
Ҷаҳонофаринро ситоиш гирифт.[3]

1. М- сӯгвор.
2. Л-б. 2317 нест.
3. И-б. 2302-2320 нест.

www.sattor.com

Бупардахту букшод роз аз нуҳуфт,
Ҳама*[1]- дида бо шаҳрёрон бигуфт.

Ҳамон гаҳ нишастанд шодон[2] бар асп,
Бирафтанд аз айвони озаргушасп.

ОМАДАНИ КОВУС ВА ХУСРАВ НАЗДИКИ ҲУМ

Пурандеша шуд шаҳрёри ҷаҳон,
Биёмад ба наздики Ҳум он замон.

Чу Ҳум он сару тоҷи шоҳон бидид,
Бар эшон ба дод офарин густарид.[3]

Ҳамон шаҳрёрон бад-ӯ офарин
Ҳаме хонданд аз ҷаҳонофарин.

Чунин гуфт бо Ҳум Ковусшоҳ,
«Ба Яздон сипосу бад-ӯям паноҳ,

Ки дидам рухи марди яздонпараст,
Тавонову бо донишу зӯри даст».

Чунон дод посух парастанда Ҳум,
Ки «Обод бодо ба доди ту бум!

Бад-ин шоҳи нав рӯз фархунда бод,
Дили бадсиголони ту канда бад!

Парастанда будам бад-ин кӯҳсор,
Ки бугзашт бар Гангдиж шаҳрёр.

Ҳаме хостам, то ҷаҳонофарин
Бад-ӯ дорад обод рӯи замин.

Чу боз омад ӯ, шоду хандон шудам,
Ниёишкунон пеши Яздон шудам.

---

1. М-Ҳамон.
2. ИЛ-шоҳон.
3. Л-б. 2324 нест.

www.sattor.com

Суруши хуҷаста шабе ногаҳон
Бикард ошкоро ба ман-бар ниҳон.

Аз он ғор берун баромад хурӯш
Шунидам, ниҳодам ба овоз гӯш.

Касе*[1] зор бигрист бар тахти оҷ
Чу бар кишвару лашкару гоҳу тоҷ.

Зи теғ[2] омадам сӯи он ғори танг,
Каманде ки зуннор дорам ба чанг.

Бидидам сару гӯши*[3] Афросиёб,
Дар ӯ сохта ҷои орому*[4] хоб.

Ба банди камандаш бубастам чу санг
Кашидам-ш бечора аз ғори танг.

Яке зор бигрист з-он банди сахт,
Ба зорӣ ба ман гуфт, эй некбахт,[5]

Мар ин бандро суст гардон зи тоб,
Чу кардам, зи дастам фурӯ шуд ба об.

Ба об-андар аст ӯ кунун нопадид,
Паи ӯ зи гетӣ бибояд бурид.

Гар ӯро зи сар*[6] бозгардад сипеҳр,
Бичунбад ба Гарсевазаш хун зи меҳр.

Чу фармон диҳад шаҳрёри баланд,
Бародар-шро пой карда ба банд.

Биёранду бар горданаш чарми гов
Бидӯзанд, то гум кунад тӯшу тов.

---

1. М-Яке.
2. И- Чу ман.
3. М-китфи.
4. М-Ба кор - андарун сохта ҷон.
5. ИЛМ – Зи хоҳиш бар ӯ суст кардам каманд,
Чу омад бари об, букшод банд.
6. М-Варо гар ба бад.

www.sattor.com

Чу овози ӯ ёбад Афросиёб,
Ҳам он гаҳ барояд зи дарёи об».

Бифармуд, то рӯзбонони дар
Бирафтанд бо теғу гелисипар.

Бибурданд Гарсевази шумро,
Ки ошӯб аз ӯ буд бару бумро.

Ба дижхим фармуд, то баркашид,
Зи рух пардаи шармро бардарид.

Бикарданд дар гарданаш чарми*[1] гов,
Чунон чун намондаш ба тан зӯру тов.

Бар ӯ пӯст бидриду зинҳор хост,
Ҷаҳонофаринро ҳаме ёр хост.

Чу бишнид овозаш Афросиёб,
Ҳамон гаҳ баромад зи дарёи[2] об.

Ба дасташ ҳаме карду пой ошиноҳ,
Биёмад ба ҷое, ки буд пойгоҳ.

Зи хушкӣ чу бонги бародар шунид,
Бад-ӯ бадтар омад зи марг, ончӣ дид.

Чу Гарсеваз[3] ӯро бидид андар об
Ду дида пур аз хуну дил пуршитоб,

Фиғон кард, к-«Эй шаҳрёри ҷаҳон,
Сари номдорону тоҷи меҳон.

Куҷот он ҳама расму оину роҳ,
Куҷот он сару тоҷу ганҷу сипоҳ.[4]

---

1. Ҳама дӯхт бар китфи ӯ хоми.
2. Ил-б. 2340 нест.
2. Л-Бар он дард гирён баромад, зи; И-Пур аз дарду гирён баромад зи.
3. ИЛ-Гаршеваз.
4. ТПЗ – Куҷост он камину камону каманд,
Ки кардӣ бад-ӯ деву ҷоду ба банд?

www.sattor.com

Куҷот он ҳама донишу зӯри даст,
Куҷот он бузургони хусравпараст?

Куҷот он ба разм-андарун фарру ном,
Куҷот он ба базм-андарун кому ҷом?[1]

Ки акнун ба дарё ниёз омадат,
Чунин ахтари бад фароз омадат?»

Чу бишнид, бигрист Афросиёб,
Ҳаме рехт хунин сиришк андар об.

Чунин дод посух, ки «Гирди ҷаҳон
Бигаштам басе[2] ошкору ниҳон,

К-аз ин бахшиши бад магар бугзарам,
Зи бад бадтар ояд ҳаме бар сарам.

Маро зиндагонӣ кунун хор гашт,
Равонам зи ту пур зи тимор гашт.

Набера Фаридуну пури Пашанг
Баровехт з-ин сон ба доми наҳанг.[3]

ГИРИФТОР ШУДАНИ АФРОСИЁБ БОРИ ДУВУМ ВА КУШТА ШУДАНИ Ӯ ВА ГАРСЕВАЗ

Забони ду меҳтар пур аз гуфтугӯй,
Равони парастанда пурҷустуҷӯй.[4]

Куҷот он савориву майдону гӯй,
Ки будӣ зи ҷавгони ту гуфтугӯй?
Куҷот он шабехуни ногаҳ чу шер,
Ки шери жиён оваридӣ ба зер?

1. И-2358 нест.
2. ИЛ-ҳаме.
3. ТПЗИЛМ – Ҳаме пӯст дарранд бар ту ба чарм,
Набинам касеро ба дил рою шарм.
4. ТП – Чу яздонпарастанда ӯро бидид,
Чунон нолаи зору ово шунид.

www.sattor.com

Зи роҳи ҷазира даромад яке[1],
Чу дидаш мар ӯро зи дур андаке,[2]

Кушод он каёнӣ каманд аз миён
Дутоӣ биёмад чу шери жиён.[3]

Бияндохт он тобдода[4] каманд,
Сари шаҳрёр андаромад ба банд.

Ба хорӣ зи дарё кашидаш ба дашт,
Ҳама зиндагонӣ бар ӯ хор гашт.[5]*[6]

Супурдаш ба шоҳону[7] худ боз гашт,
Ту гуфтӣ, ки бо бод анбоз гашт.

Биёмад ҷаҳондор бо теғи тез,
Сари пур зи кина, дили пурситез.

Чунин гуфт бедониш Афросиёб,
Ки «Ин рӯз худ дида будам ба хоб.

Сипеҳр аз бари ман фаровон кашид,
Кунун пардаи розҳо бардарид.

Ба овоз гуфт; Эй бади кинаҷӯй,
Чаро кушт хоҳӣ ниёро, бигӯй?»

Чунин дод посух, ки «Эй бадкуниш,
Сазовори пайғораву сарзаниш,

1. И-ба пай.
2. И-Ҳамедидаш аз дур Ковуси Кай.
3. Л-бабри баён.
4. Л-гирд карда.
5. ТПЗИЛМ – Ба хушкӣ кашидаш зи дарёи об,
Бишуд донишу ҳуш аз Афросиёб.*
Гирифта варо марди дин пову даст,
Ба хорӣ зи дарё кашиду бубаст.
* ИЛ – танҳо б. якум мавҷуд аст.
6. М-б. 2368 нест.
7. Л-эшону.

www.sattor.com

Зи хуни[1] бародар-т гӯям нахуст,
Ки ҳаргиз бадии[2] меҳонро наҷуст.[3]

Дигар Нӯзар, он номвар шаҳрёр
Ҷаҳондору з-Эраҷ яке*[4] ёдгор,

Задӣ гарданашро ба шамшери тез,
Барангехтӣ аз ҷаҳон растахез.

Се дигар Сиёвуш, ки чун ӯ савор
Набинад касе аз ҷаҳон ёдгор,*[5]

Буридӣ сараш чун сари гӯсфанд,
Ҳаме баргузаштӣ зи чархи баланд.

Ту боби маро аз чӣ кардӣ табоҳ,
Чунин рӯзи бадро накардӣ нигоҳ?

Ба кирдори бад тез биштофтӣ,
Мукофоти бадро бадӣ ёфтӣ.[6]

Бад-ӯ гуфт: «Шоҳо, бибуд, он чӣ буд,
Кунун достонам бибояд шунуд.[7]

Бимон, то магар модаратро рухон
Бубинам, пас ин достонҳо бихон».

Бад-ӯ гуфт, к-аз хоҳиши модарам
Нигар, то чи бад сохтӣ бар сарам.

Падар бегунаҳ буду ман дар ниҳон,
Чӣ рафт аз газанди ту андар ҷаҳон?

1. И-ҳоли.
2. ИМ-балои.
3. И-Ба хуни ялон дил нашуст.
4. М-Ки аз тухми Эраҷ буд ӯ.
5. М- Набинад дигар низ як ном дар.
6. –б. 2381, 2382 нест;
ТПИМ – Чунон дод посух, ки «Аз бадкуниш
Наёбӣ ҷуз аз куштану сарзаниш».
7. И-б. б. 2383 нест.

www.sattor.com

Сари шаҳрёре буридӣ, ки тоҷ
Бар ӯ зору гирён шуду тахти оҷ[1].

Кунун рӯзи бодафраи эзадист,
Мукофоти бадро зи Яздон бадист.

Ба шамшери ҳиндӣ бизад гарданаш,
Ба хок-андар афканд торӣ[2] танаш.

2390 Зи хун лаъл шуд гӯшу риши[3] сапед,
Бародар-ш гашт аз ҷаҳон ноумед.

Тиҳӣ монд аз ӯ тахти шоҳаншаҳӣ,
Сар омад ҳама*[4] рӯзгори беҳӣ.

Зи кирдори бад бар танаш бад расид,
Маҷӯ, эй писар, банди бадро калид.

Чӣ[5] ҷӯӣ, бидонӣ, ки аз кори бад
Ба фарҷом бар бадкуниш бад расад.

Сипаҳбад, ки бо фарри Яздон бувад,
Ҳама хашми ӯ банду зиндон бувад.

2395 Чу хунрез гардад, бимонад нажанд,
Мукофот ёбад зи[6] чархи баланд.

Чунин гуфт мӯбад ба Баҳроми тез,
Ки «Хуни сари бегуноҳон марез.

---

1. ТПЗ – Агар банд хоҳӣ зи ман бегазанд,
Касе оташи тез кай кард банд?
Шубон чун ки бигрифт дарранда гург,
Агар зинда монад, набошад, сутург.
Диловар чу аз беша бигрифт шер,
Нишон деҳ, куҷо зинда монад-ш дер?
Вагар меҳр бар хасташер оварад,
Ҳамон шер ӯро ба зер оварад.
2. Л- тозӣ, ИМ – нозук.
3. И-ришу мӯи.
4. М-бар ӯ.
5. ИЛ-Чу.
6. ИЛ-Биёбад мукофоти.

www.sattor.com

Чу хоҳӣ, ки тоҷи ту монад ба ҷой,
Мабодӣ ҷуз оҳиставу покрой.

Нигаҳ кун, ки то тоҷ*[1] бо сар чӣ гуфт,
Ки бо мағзат, эй сар, хирад бод ҷуфт!»[2]

Ба Герсеваз омад зи кори ниё,
Ду рух зарду як дил пур аз кимиё.

Кашидандаш аз[3] пеши дижхим хор
Ба банди гарону ба бад рӯзгор.

Або рӯзбонону мардумкушон
Чунон чун бувад мардуми баднишон.

Чу дар пеши Кайхусрав омад ба дард,
Буборид хун бар рухи лоҷвард.

Шаҳаншоҳи Эрон забон баркушод,
В-аз он ташту ханҷар ҳаме кард ёд.

Зи тури Фаридуну Салми сутург,
Аз Эраҷ, ки буд номдори бузург,

Ба дижхим фармуд, то теғи тез
Кашида биёмад диле пурситез.

Миёни сипаҳбад ба ду ним кард,
Сипаҳро ҳаме дил пур аз бим кард.

Ба ҳам барфикандандашон кӯҳ-кӯҳ,[4]
Зи ҳар сӯ ба дур истода гурӯҳ.[5]

---

1. М-тан худ або.
2. Л-б. 2398 нест.
3. кашиданд дар.
4. ИЛ- ҳамчу кӯҳ.
5. ТПЗ – Ҷафоҳои эшон ҳаме гуфт шоҳ,
Ҳаме кард бар ҳарду кушта нигоҳ.
Аз он пас бифармуд, то раҳнамун
Бишӯяд тани шоҳ аз хоку хун.

www.sattor.com

БОЗ ОМАДАНИ КОВУС ВА ХУСРАВ БА ПОРС

Зи Яздон чу шоҳ орзӯҳо биёфт,
Зи дарё сӯи хони озар шитофт.

Басе зар бар оташ барафшонданд,[1]
Ба замзам басе офарин хонданд.

Бибурданд як рӯзу як шаб ба пой
Ба пеши ҷаҳондовари раҳнамой.

Чу ганҷури Кайхусрав омад Зарасп
Бубахшид ганҷе бар озаргушасп.

Бар он мӯбадон хилъат афканд низ,
Дирам доду динору бисёр[2] чиз.

Ба шаҳр-андарун ҳар кӣ дарвеш буд,
В-агар хӯрдаш аз кӯшиши хеш буд,

Бипӯшад аз он пас ба дебои Чин,
Зи хаззу зи мулҳам кафан ҳамчунин.
Ба дахма-дарун тахти заррин ниҳанд,
Кулаҳ бар сараш анбарогин ниҳанд.
Бихобонадаш пас бар афрози тахт,
Бигиряд фаровон бар он шӯрбахт.
Тани паҳлавонро, к-аз ӯ хост кин,
Кашиданд ду пора зӣ борагин.
Чунин гуфт Хусрав, ки кин рондем,
Зи дил оташи дард биншондем.
Кунун бар ниёиш ҷои бахшоиш аст,
Маро вақти орому осоиш аст.
Кунун бояд оини нав сохтан,
Асирон ба ҳар ҷой бинвохтан,
Ки бо ман ниё буд, к-афканд хун,
Чу ӯ рафт, аз инҳо чӣ ояд кунун?
Макун бад, ки бинӣ ба фарҷом бад,
Зи бад гардад андар ҷаҳон ном бад.
Нигаҳ кун, ки ин гунбади тезгард
Ниҳонӣ надорад магар гарму сард.
Ба гетӣ ҳаме бош бо тарсу бок,
Ниёиш ҳаме кун ба Яздони пок,
Ки пирӯзиву шӯрбахтӣ аз ӯст,
Таносониву ранҷу сахтӣ аз ӯст.

1. И- Бияфшонданд.
2. ИЛ- ҳар гуна.

www.sattor.com

Бар он низ ганҷе пароканда кард,
Ҷаҳоне ба доду деҳиш зинда кард.

В-аз он пас ба тахти каӣ барнишаст,
Дари бор букшоду лабро бубаст.

Набиштанд нома ба ҳар кишваре,
Ба ҳар номдореву ҳар меҳтаре.

Зи Ховар бишуд нома то Бохтар,
Ба ҳар ҷо ки буд меҳтари номвар,

Ки рӯи замин аз бади аждаҳо
Ба шамшери Кайхусрав омад раҳо.

Ба нерӯи Яздони пирӯзгар
Наёсуду накшод ҳаргиз камар.[1]

Равони Сиёвуш бад-ӯ зинда гашт,
Ҳама рӯи гетӣ варо банда гашт.

Ҳама чиз бахшид дарвешро,
Парастандаву мардуми хешро

В-аз он пас чунин гуфт шоҳи ҷаҳон,
Ки «Эй номдорони фаррух меҳон,[2]

Зану кӯдак аз шаҳр берун баред,
Хуришҳову ромиш ба ҳомун баред.

Бипардахт аз он, сар ба ромиш ниҳод,
Бирафтанд гурдони хусравнажод.

Ҳар он кас, ки буд ӯ зи тухми Зарасп,
Биёмад ба айвони озаргушасп.

1. ТПЗ – Ки то гетӣ аз ҳар бадӣ пок кард,
Ҷаҳон ҷумла бетарсу бебок кард.

2. ИЛ-б. 2422 нест.

www.sattor.com

Чиҳил рӯз бо шоҳ Ковуси Кай
Ҳаме буд бо ромишу руду май.

Чу рахшанда*[1] шуд бар фалак моҳи нав
Чу зарафсаре бар сари шоҳи нав.

Бузургон сӯи Порс карданд рӯй,
Баросуда аз разму аз гуфтугӯй.

Ба ҳар шаҳр, к-андар шуданд̄ӣ ба[2] роҳ,
Шудӣ анҷуман мард бар пешгоҳ.

Кушодӣ сари бадраҳо шаҳрёр,
Тавонгар шудӣ марди парҳезгор.

МУРДАНИ КАЙКОВУС

Чу бо эминӣ гашт Ковус ҷуфт,
Ҳама рози дил пеши[3] Яздон бигуфт.

Чунин гуфт, к-«Эй бартар аз рӯзгор,
Чу бошӣ ба ҳар некӣ омӯзгор.

Зи ту ёфтам фарру аврангу бахт,
Бузургиву гурдиву дайҳиму тахт.

Накардӣ касеро чу ман баҳраманд
Зи ганҷу зи тахту зи номи баланд.[4]

Зи ту хостам, то яке номвар[5]
Ба кини Сиёвуш бубандад камар.

Набера бидидам ҷаҳонбини хеш[6]
Куҷо кини ман кард чун кини хеш.[7]

1. М-хуршед.
2. ИЛ-зи.
3. Л-роз як сар ба.
4. И-б. 2432-2434 нест.
5. И-ман яке кинавар.
6. Л-ман.
7. Л- Ба фарҳангу тадбиру оини ман.

www.sattor.com

Ҷаҳонҷӯй бо фарру бурзу хирад
Зи шоҳони гетӣ ҳаме бугзарад.

Чу солам се панҷоҳ бар сар гузашт,
Сари мӯйи мушкин чу кофур гашт.

Ҳамон сарви нозанда шуд чун камон
Надорам гарон, гар сар ояд замон.

Басе барнаёмад бар ин рӯзгор,
К-аз ӯ ном монд[1] аз ҷаҳон ёдгор.

Ҷаҳондор Кайхусрав омад зи гоҳ,
Нишаст аз бари тирахоки сиёҳ.

Аз эрониён ҳар кӣ буд номҷӯй,
Пиёда бирафтанд берангу бӯй.

Ҳама ҷомаҳошон[2] кабуду сиёҳ,
Ду ҳафта бибуданд бо сӯги шоҳ.

Зи бахри сутудон-ш кохи баланд
Бикарданд, болои ӯ даҳ каманд.

Бибурданд пас пойкорони шоҳ
Дабиқиву дебои румӣ сиёҳ.

Бар ӯ рехта уду кофуру мушк,
Танашро бад-ӯ- дар бубастанд хушк.

Ниҳоданд зер- андараш тахти оҷ,
Ба сар-бар зи мушку зи кофур тоҷ.

Чу баргашт Кайхусрав аз пеши тахт,
Дари хобгаҳро бубастанд сахт.

Касе низ Ковуси Кайро надид,
Зи кину зи овардгоҳ орамид.

1. ИЛ-шуд.
2. Л-ҷомаҳои.

www.sattor.com

Чунин аст расми сарои сипанҷ,
Намонӣ дар ӯ ҷовидонӣ[1] ба ранҷ.

На доно гузар ёбад аз чанги марг,
На ҷанговарон зери хафтону тарг.

Агар шоҳ бошему гар Зордишт,[2]
Ниҳолӣ зи хок асту болин зи хишт.

Ба шодӣ нишину[3] ҳама ком ҷӯй,
Агар коми дил ёфтӣ, ном ҷӯй.

Чунон дон, ки гетӣ туро душман аст,
Замин бистару гӯр пероҳан аст.

Чиҳил рӯз сӯги ниё дошт шоҳ,
Зи шодӣ шуда дур в-аз тоҷу гоҳ.

Ба чиҳлу якум рӯз бар[4] тахти оҷ
Ба сар барниҳод он дилафрӯз тоҷ.

Сипоҳ анҷуман шуд ба даргоҳи шоҳ,
Радону бузургони зарринкулоҳ.

Ба шодӣ[5] бар ӯ офарин хонданд,
Бар он тоҷ-бар гавҳар афшонданд.

Яке сур буд дар ҷаҳон сар ба сар,
Ки бар тахт биншаст пирӯзгар.

Бар он гуна то солиён гашт шаст,
Ҷаҳон шуд ҳама шоҳро зери даст.[6]

1. ИЛ- ҷовидона, маранҷ.
2. Л-зардиҳишт.
3. Л-бозу ниёзу.
4. ИЛ- Чиҳил як нишаст аз бари.
5. ИЛ-шоҳӣ.
6. ИЛ-б. 2460 нест.

www.sattor.com

РАҲО КАРДАНИ КАЙХУСРАВ ҶАҲНРО АЗ БАНД ВА ДОДАН ПОДШОҲИИ ТУРОН ӮРО

Бифармуд то Ҷаҳни Афросиёб
Биёранд дар пеш бо ҷоҳу об.

Бирафтанд фармонбарон пеши ӯй,
Ба наздики Ҷаҳн овариданд рӯй.

Чу диданд мар Ҷаҳнро пойбанд,
Шикастанд он бандро бегазанд.

Бибурданд пас мардро пеши шоҳ
Биёмад бад-он номвар пешгоҳ.

Чу чашмаш баромад бар он шаҳрёр
Заминро бибӯсид бечоравор.

Чу наздики он шоҳи некон расид,
Зи дил мавҷи хунаш ба мижгон расид.

Ҳаме буд гирён бари шаҳ ба пой,
Яке номвар буд фархундарой.

Чу Хусрав бад-он гуна меҳраш бидид,
Яке боди сард аз ҷигар баркашид.

Зи хуне ки буд баҳраи модарӣ,
Биҷӯшиду шуд чеҳрааш озарӣ.

В-аз он пас фурӯ рехт бар чеҳра об,
Басе ёд кард аз рад Афросиёб,

Ки гар ӯ нашустӣ ба хун даст пеш,
Нигаҳ доштӣ дину оину кеш.

Накардӣ ба хун сурх риши сапед,
Нагаштӣ зи буму зи бар ноумед.

Манаш будаме пеш фарзандвор,
Нахондам ман ӯро магар шаҳрёр.

www.sattor.com

Валекин чунин аст бад рӯзгор,
К-аз ӯ барг заҳр асту бор аст мор.

Чу Ҷаҳн ин шунид аз лаби шаҳрёр
Ба ҷон эминӣ ёфт аз рӯзгор.

Басе офарини бузургон бигуфт
Бад-он, к-аш бурун оварид аз нуҳуфт,

Ки «Ҷовид бодӣ ту бо тоҷу тахт,
Ҳамеша ба ҳар ҷой фирӯзбахт!

Меҳони ҷаҳон пеши ту бандаанд,
Бад-он бандагӣ сарфарозандаанд.

Ман акнун раҳии сарои туам,
Ба ҳар ҷо ки бошам, барои туам.

Замин ҷуз ба фармони ту наспарам,
В-аз он ч-ам ту фармон диҳӣ, нагзарам».

Чу ин гуфт ӯ, шоҳ бар пой хост,
Нишондаш бар он тахт бар дасти рост.

Бигуфташ, ки «Чунӣ дар ин рӯзгор,
Ки дидӣ ҳама панди омӯзгор?

Баросой акнуну бар хӯр зи бахт,
Туро дод хоҳам яке тоҷу тахт.

Ҳамон кишвари Тур додам ба ту,
К-аз он тухмаи Тур шодам ба ту.

Набера Пашангӣ, фаридуннажод,
Набояд, ки печӣ ту сарро зи дод.

Маро бо ту меҳр асту пайванди хун,
Набояд ки оӣ зи пандам бурун.

Бибояд ки гирӣ ту гетӣ ба ҳеч,
Зи дониш раҳи додро сар мапеч!

www.sattor.com

В-агар з-он ки аз дод печӣ ту сар,
Саратро бибуррам ба сони падар.

Падар-т аз бадӣ кард гетӣ раҳо,
Ба дӯзах шуд андар дами аждаҳо.

Чу девон бадӣ роҳу оин гирифт,
Зи Яздон буриду ками дин гирифт.

Сиёвахшро бегунаҳ чун бикушт,
Ба чора ман овардам ӯро ба мушт.

Ба мардиву аз роҳи оини хеш
Биҷустам аз ӯ ман ҳама кини хеш.

Сарашро буридам ба сони чаков,
Биғалтид дар хок бе тӯшу тов.

Ба хун сурх шуд ришу мӯи сапед,
Ба ночор гашт аз ҷаҳон ноумед.

Набигрист бар вай касе ҳеч зор
Бад-он, к-аш бадӣ буд оину кор.

Зи Заҳҳоку Тур аз ситамкорагон
Бигӯям, ки буданд хунхорагон,

Ки Заҳҳок куштаст Ҷамро ба кин,
Дигар Тур кушт Эраҷи покдин.

Ба Яздон нигар, то зи дасти ду шоҳ
Бар эшон чӣ овард дар размгоҳ.

Фаридун фиканд он каманди ялӣ
Ба неруи Яздону аз пурдилӣ.

Гирифт он ситамгора Заҳҳокро,
Зи тахт андаровард нопокро.

Бибурду фикандаш ба чоҳ-андарун,
Ниҳодаш яке кӯҳ бар сар нагун.

www.sattor.com

Бирастанд мардум зи озори ӯй,
Сар омад ҳама ҷангу пайкори ӯй.

Дигар бин Манучеҳр он додгар,
Ки баст аз паи кини Эраҷ камар,

Зи Эрон бирафту бишуд то ба Чин,
Дилаш пур зи боду сараш пур зи кин.

Ба нерӯи Яздони пирӯзгар
Зи Тури ситамгар ҷудо кард сар.

Чунин аст фармони Яздони роҳ,
Ки ҳар кас, ки буррад сари бегуноҳ,

Сарашро бибурранд бетарсу бок,
Супоранд нопокдилро ба хок.

Нигар, то набошӣ ту з-инҳову бас,
Ки касро надиданд фарёдрас».

Ба посух баророст Ҷаҳн он замон,
Ки «Эй додгар шаҳрёри ҷаҳон,

Ба фармони ту ман бубандам камар,
Ниҳам пеши тахти ту бар хок сар.

Ҳам аз бандагони ту ман кеҳтарам,
На бо тахту тоҷу на бо афсарам.

Ба Туронзамин гар фиристӣ маро,
Ниёиш кунам пеши Яздон туро.

Фиристам ба ҳар сол ман божу сов
Ба пеши ту, з-он ч-ам бувад тӯшу тов.

Ба ҳар чанд гоҳе бубандам камар,
Биёям, бубинам рухи тоҷвар.

Бибӯсам замин пеш тахти туро,
Кунам офарин тахту бахти туро.

www.sattor.com

Нисор оварам уду мушку абир,
Заминро бипӯшам ба чинӣ ҳарир.

Яке орзу дорад акнун раҳӣ
Бад-ин номвар пешгоҳи меҳӣ,

Ки пӯшидарӯёну фарзанди ман,
Ҳамон хоҳаронрову пайванди ман

Бубахшӣ ба ман, то ба Турон барам,
Чунин орзуро агар дарх(в)арам».

Чу бишнид аз ӯ шаҳрёр ин сухун,
Бар он орзу посух афканд бун.

Бифармуд, то пеши ӯ шуд дабир,
Бибурданд қиртосу мушку абир.

Навиштанд маншур бар парниён
Ба оини шоҳону расми каён,

Чунон чун Фаридун ба Тур он замин
Супурду бигуфташ, ки ту беш аз ин

Маҷӯ аз ҷаҳон баҳраи хешро,
Бидеҳ доди мазлуму дарвешро.

Ба ганҷур гуфт он замон шаҳрёр,
Ки рав, хилъату тоҷи шоҳона ор.

Биёвард ганҷур тоҷи каён
Або хилъату бораи меҳтарон.

Бифармуд, то тоҷ бар сар ниҳод,
Бираст аз газанду шуд аз шоҳ шод.

Ҳамон хоҳаронрову пайванди ӯй,
Ки буданд ҳар як аз ӯ чораҷӯй,

Фиристодашон шаҳрёри ҷаҳон
Ба наздики Ҷаҳн он замон шодмон.

www.sattor.com

Сазовори ҳар як басе хоста
Або хилъату тоҷи ороста.

Фиристода гуфто: Равед ин замон
Або Ҷаҳни хуррам сӯи хонумон!»

Ҳамон гаҳ бифармуд, то шуд дабир,
Навишташ яке номае бар ҳарир

Ба наздики Густаҳми Нӯзар, ки ӯй
Биёяд ба Эрон пур аз обрӯй.

Супорад ба Ҷаҳн он заминро тамом,
Насозад дирангу нагирад мақом.

Ба шабгир ҳангоми бонги хурӯс
Зи даргоҳи Ҷаҳн омад овои кӯс.

Нишаст аз бари аспу шуд сӯи Тур
Ҳама роҳ бо шодмониву сур.

Чу наздикии шаҳри Турон расид,
Фиристодаи некпай баргузид.

Бигуфташ, ки «Наздики Густаҳм пӯй,
Ҳама кори мо пеши ӯ бозгӯй».

Фиристода чун гуфти шоҳаш шунид,
Ба кирдори боди дамон раҳ бурид.

Чу наздики Густаҳм шуд некхоҳ,
Бигуфташ, ки Ҷаҳн омад аз сӯи шоҳ.

Чу Густаҳм аз он кор огоҳ шуд,
Пазира бари Ҷаҳн дар роҳ шуд.

Ҳама шаҳри Турон биёростанд,
Маю руду ромишгарон хостанд.

Чу Ҷаҳн андаромад сӯи шаҳри хеш
Ба оини шоҳон, ки буданд пеш,

www.sattor.com

Ба ҳар ҷой дебо даровехтанд,
Ҳама кӯю барзан дирам рехтанд.

Нишаст аз бари гоҳи Афросиёб,
Ҳама хуфтаро сар баромад зи хоб.

Ду ҳафта або Густаҳам буд шод,
Бад-ӯ хилъату чиз бисёр дод.

В-аз он пас дари ганҷҳо боз кард,
Фиристодани Густаҳам соз кард.

Супурд он ҳамаро ба Густаҳму гуфт,
Ки «Эй гурди бо донишу ҳуш ҷуфт,

Бубар ин ҳама ҳадяҳо пеши шоҳ,
Бигӯяш зи додори гетипаноҳ.

Ту шоҳиву мо бандагони туем,
Ба ҳар ҷо парастандагони туем».

Пазируфт Густаҳму кардаш дуруд,
Ки «Бодӣ ҳамеша ту бо кому руд!»

Ҳама шаб бибурданд бо кому ноз,
Ба пеш андаруншон бутони Тароз.

Сапеда чу бар чарх лашкар кашид,
Шаби нилгун домон андаркашид.

Ба зин андаромад шаҳи Нӯзарӣ
Ба оини шоҳон, ба некахтарӣ.

Зи Турон сӯи шаҳри Эрон кашид,
Ба наздики шоҳи далерон кашид.

Гавон чун аз ӯ огаҳӣ ёфтанд,
Пазира шудан зуд биштофтанд.

Бишуд Тус бо паҳлавонон бараш,
Чу диданд гурдон сару афсараш.

www.sattor.com

Фуруд омад он гаҳ, бишуд пеши Тус,
Канораш гирифту бараш дод бӯс.

Дигар паҳлавонону гарданкашон
Ҳама пеш рафтанд ҳам з-ин нишон.

В-аз он пас нишастанд гурдон бар асп,
Биронданд бар сони озаргушасп.

Чу Густаҳм дар шаҳр шуд бо меҳон
Ба наздики даргоҳи шоҳи ҷаҳон,

Або паҳлавонон ба даргаҳ расид,
Пиёда шуду пеши даргаҳ давид.

Чу чашмаш бар омад бар он рӯи шоҳ,
Заминро бибӯсид дар пешгоҳ.

Чу дидаш варо шоҳ бо кому ноз
Ба бар даргирифташ замони дароз,

Пас он гаҳ нишондаш бар он гоҳ шоҳ,
Бипурсидаш аз Ҷаҳну туронсипоҳ.

Ба посух бигуфташ, ки «Эй шаҳрёр,
Зи Ҷаҳнат дуруду фаровон нисор.

Ҷуз аз ёди ту нест ӯ як замон,
Ба фармон-т дорад камар бар миён».

Ҳамон гаҳ ба солор гуфт: «Эй ҷавон,
Бипаймой ҷому биёрой хон.

Чу аз хӯрдани хон бипардохтанд,
Маю руду ромишгарон сохтанд.

Ҳама шаб бибуданд бо ною руд,
Ҳаме дод ҳар кас ба Хусрав дуруд.

Чу хуршед бинмуд зарриначеҳр
Ҷаҳонро бишуст аз сиёҳӣ ба меҳр.

www.sattor.com

Биёвард Густаҳм он хоста,
Ки Ҷаҳнаш фиристод ороста.

Ба наздики шоҳи ҷаҳон оварид,
Ки Хусрав мар онро ҳама бингарид.

Бубахшид ҷумла ба эрониён,
Нишаст аз бари гоҳи шоҳи ҷаҳон.

НОУМЕД ГАШТАНИ КАЙХУСРАВ АЗ ҶАҲОН

Пурандеша шуд моявар ҷони шоҳ
Аз он эзадӣ кору он дастгоҳ.[1]

Ҳаме гуфт ҳар ҷой обод бум
Зи Ҳинду зи Чин-андарун то ба Рум,[2]

Ҳам аз Ховарон то дари Бохтар
Зи кӯҳу биёбону аз хушку тар

Саросар зи бадхоҳ кардам тиҳӣ,
Маро гашт фармони тахти меҳӣ.

Ҷаҳон аз бадандеш бебим гашт,
Фаровон маро рӯз бар сар гузашт.

Зи Яздон ҳама орзу ёфтам,
Дигар дил ҳама сӯи кин тофтам.

Равонам набояд, ки орад манӣ,
Бад андешаду[3] кеши оҳарманӣ.

Шавам бадкуниш ҳамчу Заҳҳоку Ҷам,
Ки бо Туру Салм андароям ба ҳам.

1. И-б. 1-115 нест.
2. Л-б. 1-116 нест; Ин 116 байт дар дигар нусхаҳо низ мавҷуд нест. Ниг. Шоҳнома, нашри Техрон, ҷилди 5, саҳ. 1400, эзоҳи 3.
3. Л- бадандешиву.

www.sattor.com

Зи як сӯ зи[1] Ковус дорам нажод,[2]
Дигар сӯ зи[3] Турон пур аз кину бод.[4]

Чу Ковусу чун ҷоду Афросиёб,
Ки ҷуз рӯи кажжӣ надидӣ ба хоб.

Ба Яздон шавам ногаҳон носипос,
Ба равшанравон андарорам ҳарос.

Зи ман бугсилад фарраи эзадӣ,
Гироям ба кажживу нобихрадӣ.

В-аз он пас бар он тирагӣ бугзарам,
Ба хок андарояд сару афсарам.

Ба гетӣ бимонад зи ман номи бад,
Ҳамон пеши Яздон саранҷоми бад.

Табаҳ гардад ин рӯю ранги рухон,
Бипӯсад[5] ба хок-андарун устухон.

Ҳунар кам шавад, носипосӣ ба ҷой,
Равон тира монад ба дигар сарой.

Гирифта касе тоҷу тахти маро,
Ба пой андароварда бахти маро.

Зи ман монда номи баде ёдгор,
Гули ранҷҳои куҳан гашта хор.[6]

Ман акнун чу кини падар хостам,
Ҷаҳонро*[7] ба хубӣ биёростам,

1. ИЛ- рӯ.
2. ИЛМ –ниё.
3. ИЛ-чу.
4. ИЛМ – кимиё.
5. ИЛМ-Бирезад.
6. Л-б. 2597 нест.
7. М-ҷаҳоне.

www.sattor.com

Бикуштам касеро, ки боист кушт,
Ки буд кажжу бо покяздон[1] дурушт.

Ба ободу вайрона ҷое намонд,
Ки маншури теғи*[2] маро барнахонд.

Бузургони гетӣ маро кеҳтаранд,
Агарчанд бо тахту бо афсаранд.[3]

Сипосам зи Яздон, ки ӯ дод фар
Бад-ин гардиши ахтару пову пар.

Кунун он беҳ ояд, ки ман роҳҷӯй
Шавам пеши Яздон пур аз обрӯй.[4]

Магар ҳам бад-ин хубӣ андар ниҳон
Фиристодаи комгори ҷаҳон

Равонам бар он ҷои некон барад,
Ки ин тоҷу тахти каӣ бугзарад.

Наёбад касе з-ин фузун ному ком,
Бузургиву хубиву орому ҷом.

Шунидему[5] дидем рози ҷаҳон,
Баду некро[6] ошкору ниҳон.

Кашоварз бошад в-агар[7] тоҷвар,
Саранҷом бар марг[8] бошад гузар.

Ба солори навбат бифармуд шоҳ,
Ки ҳар кас ки ояд бад-ин боргоҳ,

1. ИЛ-роҳи яздон.
2. М-бахти.
3. Л-б. нест.
4. Л-б. нест.
5. И-расидему.
6. И-нек аз. Л-нек ҳам.
7. Л-дидему ҳам; И-дидему гар.
8. И-хок.

www.sattor.com

Сабук бозгардон ба некӯ сухун,
Ҳама мардумӣ ҷӯю тундӣ макун.

Чу ин гуфта шуд, сӯи боғ он замон*[1]
Хурӯшон биёмад кушода миён.

Зи баҳри парастиш сару тан бишуст,
Ба шамъи хирад роҳи Яздон биҷуст,

Бипӯшид пас ҷомаи нав сапед,
Ниёишкунон рафту дил пурумед.

Биёмад хиромон ба ҷои намоз,
Ҳаме гуфт бо довари пок*[2] роз.

Чунин*[3] гуфт, к-эй бартар аз ҷони пок,
Барорандаи оташу боду хок,[4]

Нигаҳ дору чанде хирад деҳ маро,
Ҳам андешаи неку бад деҳ маро.

Туро то бибошам, ниёиш[5] кунам,
Абар[6] некуиҳо физоиш кунам.

Биёмурз карда гуноҳи маро,
Зи каҷӣ бикаш дастгоҳи маро.

Бигардон зи ҷонам бади рӯзгор,
Ҳамон чораи деви омӯзгор.

Бад-он то чу Ковусу Заҳҳоку Ҷам
Нагирад ҳаво бар равонам ситам.

Чу бар ман бубандад[7] дари ростӣ,
Ба нерӯ шавад каҷиву костӣ.

---

1. М-Бубаст он дари боргоҳи каён.
2. М- нек.
3. М-Ҳаме.
4. ИЛ-оташ аз тирахок.
5. И-Ба донишситоиш; Л-Ба оташ ситоиш.
6. ИЛ-Бар ин.
7. ЛМ-бипӯшад.

www.sattor.com

Бигардон зи ман девро дастгоҳ,
Бад-он то надорад равонам табоҳ.

Равонам бад-он ҷои некон расон,
Нигаҳ дор бар ман ҳамин достон».[1]

Шабу рӯз як ҳафта бар пой буд,
Тан он ҷову ҷонаш дигар ҷой буд.

Сари ҳафтаро гашт Хусрав навон,
Ба ҷои парастиш набудаш тавон.

Ба ҳаштум зи ҷои парастиш бирафт,
Бари тахти шоҳӣ хиромид тафт.

ПИЖӮҲИШ КАРДАНИ БУЗУРГОН АЗ БОР БАСТАНИ КАЙХУСРАВ

Ҳама паҳлавонони эронсипоҳ
Шигифте фурӯ монд[2] аз кори шоҳ.

Аз он номдорони рӯзи набард,
Ҳаме ҳар яке дигар андеша кард.

Чу бар тахт шуд номвар шаҳрёр,
Биёмад ба даргоҳ солори бор.

Бифармуд, то парда бардоштанд,
Сипаҳро ба даргоҳ бугзоштанд.

Бирафтанд бо дасти карда ба каш
Бузургони аспафкану шерфаш.*[3]

Чу Тусу чу Гударзу Геви далер
Чу Гургину Бежан, чу Руҳҳоми шер.

1. Л-роҳу сон.
2. Л-монда.
3. М-пилафкан.

www.sattor.com

Чу Шедушу чун Зангаи Шоварон,
Фарибурзу Густаҳму номоварон.[1]

Чу диданд, бурданд пешаш намоз,
Аз он пас ҳама баркушоданд роз,

Ки шоҳо, далеро, саро, сарваро,*[2]
Ҷаҳондору бар меҳтарон меҳтаро,[3]

Чу ту шоҳ наншаст бар тахти оҷ,
Фурӯғ аз ту гирад ҳама меҳру моҷ.[4]

Фарозандаи ҷавшану зину*[5] асп,
Фурӯзандаи фаррух озаргушасп.

Натарсӣ зи ранҷу нанозӣ ба ганҷ,
Ба гетӣ зи ганҷат фузун аст ранҷ.[6]

Ҳама паҳлавонон туро бандаем,
Саросар ба дидори ту зиндаем.

Ҳама душманонро супурдӣ ба хок,
Ба гетӣ намондат зи кас тарсу бок.

Ба ҳар кишваре лашкару ганҷи туст,
Ба ҷое ки пай барниҳӣ,[7] ранҷи туст.

Надонем, к-андешаи шаҳрёр
Чаро тира гашт андар ин рӯзгор.

Туро з-ин ҷаҳон рӯзи бархурдан аст,
На ҳангоми тимору пажмурдан аст.

---

1. ИЛ-б. 2623 нест.
2. М-гаво, доваро.
3. ТПЗ – Аз он гаҳ ки Яздон ҷаҳон офарид,
   Фалак баркашиду замин густарид.
4. ИЛМ – тоҷ.
5. М-теғу.
6. И-б. 2533, 2634 нест. Л-б нест.
7. И-Ба ҳар ҷойгаҳ кӯшишу.

www.sattor.com

Гар аз мо ба чизе биёзурд шоҳ,
В-аз озори ӯ ҳаст моро гуноҳ,

Бигӯяд ба мо, то дилаш х(в)аш кунем,
Пур аз хун руху дил бар оташ кунем.

В-агар душмане дорад андар ниҳон,
Бигӯяд ба мо шаҳрёри ҷаҳон.

Ҳама тоҷдорон, ки буданд шоҳ,
Бар ин доштанд арҷ тахту кулоҳ,

Ки то сар[1] ситонанд ё сар[2] диҳанд,
Чу тарги далерон ба сар барниҳанд.

Ниҳоне ки дорад, ки гӯяд[3] ба мо,
Ҳама[4] чораи он биҷӯяд ба мо.

Чунин дод посух гаронмоя шоҳ,
Ки «Эй паҳлавонони ҷӯяндароҳ.

Ба гетӣ зи душман маро нест ранҷ,
Нашуд низ ҷое пароканда ганҷ.

На озор дорам зи кори сипоҳ,
На андар шумо ҳаст марди гуноҳ.

Зи душман чу кини падар хостам,
Ба доду ба дин[5] гетӣ оростам.

Ба гетӣ паи хоки тира намонд,
Ки мӯҳри нигини маро барнахонд.

Шумо теғҳо дар ниём оваред,
Маи сурху симина ҷом оваред.

1. И-гар.
2. И-В-агар; Л-агар сар.
3. ИЛ- бигӯяд.
4. ЛМ – Ҳамон.
5. И-деҳиш.

www.sattor.com

Ба ҷои хурӯши камон ною чанг
Бисозед бо бодаву бӯю ранг,

Ки мо ҳарчи боист, барсохтем,
Зи душман ҷаҳонро бипардохтем.[1]

Ба як ҳафта бар[2] пеши Яздон ба пой
Бибудам пурандешаву некрой.[3]

Яке орзу дорам андар ниҳон,
Ҳаме хоҳам аз кирдгори ҷаҳон.

Бигӯям кушода, чу посух диҳед,
Ба посух маро рӯзи фаррух ниҳед.

Шумо пеши Яздон ситоиш кунед,
Бад-ин кому шодӣ ниёиш кунед,

Ки ӯ дод бар неку бад дастгоҳ,
Ситоиш мар ӯро, ки бинмуд роҳ.

В-аз он пас ҳама шодмонӣ кунед,
Зи бадҳо равон бегумонӣ кунед.

Бидонед, к-ин чархи нопойдор
На парварда донад, на парвардгор.[4]

Ҳаме парварад пиру барно ба ҳам,
Аз ӯ дод бинему ҳам з-ӯ ситам».

Ҳама паҳлавонон зи наздики шоҳ,
Бурун омаданд аз ғамон дил табоҳ.

Ба солори бор он замон гуфт шоҳ,
Ки «Биншин паси пардаи боргоҳ.

1. ИЛМ-2653 нест.
2. ИМ-ман.
3. ИЛМ-покрой.
4. ИЛ-Надонад ҳаме лашкару* шаҳрёр.
* И-кеҳтару.

www.sattor.com

Касеро мадеҳ бор дар пеши ман,
Зи бегонагон*[1] мардуму хеши ман».

Биёмад ба ҷои парастиш ба шаб,
Ба додори доранда букшод лаб.

Ҳаме гуфт, к-«Эй бартар аз бартарӣ,
Физояндаи покиву беҳтарӣ,[2]

Ту бошӣ ба мину маро раҳнамой,
Чу ман[3] бугзарам з-ин сипанҷӣ сарой.

Ба каҷжӣ дилам ҳеч нотофта,
Равон ҷои равшандилон ёфта.

ХОНДАНИ ЭРОНИЁН ЗОЛ ВА РУСТАМРО

Чу як ҳафта бугзашту нанмуд рӯй,
Баромад басе ғулғулу гуфтугӯй.

Ҳама паҳлавонон шуданд анҷуман,
Бузургони фарзонаву ройзан.

Чу Гударзу чун Туси нӯзарнажод
Сухан рафт чанде зи бедоду дод.

Зи кирдори шоҳони бартарманиш,
Зи яздонпарастону аз бадкуниш

Ҳама достонҳо заданд аз меҳон
Бузургону фарзонагони ҷаҳон.

Падар Гевро гуфт, к-«Эй некбахт,
Ҳамеша парастандаи тоҷу тахт.

Аз Эрон басе ранҷ бардоштӣ,
Бару буму пайванд бугзоштӣ.

1. М-бегонаву.
2. –меҳтарӣ.
3. ЛМ-магар.

www.sattor.com

Ба пеш омад акнун яке тира кор,
Ки онро нашояд, ки дорем хор.

Бибояд шудан сӯи Зобулситон,
Саворе фиристӣ ба*[1] Кобулситон.

Ба Золу ба Рустам бигӯӣ, ки шоҳ
Зи Яздон бупечиду гум кард роҳ.

Дари бор бар номдорон бубаст,
Ҳамоно, ки бо дев дорад нишаст.

Басе хоҳишу пӯзиш оростам,
Ҳаме з-он сухан доди ӯ хостам.

Фаровон шунид, эч посух надод,
Дилаш хира бинему сар[2] пур зи бод.

Битарсем, к-ӯ ҳамчу Ковусшоҳ
Шавад кажжу деваш бупечад зи роҳ.

Шумо паҳлавонеду донотаред,
Ба ҳар буданӣ-бар тавонотаред.

Кунун ҳар кӣ доред покизарой
Зи Қаннуҷ в-аз Данбару Марғу Мой.

Ситорашиносони Кобулситон
Ҳама покроёни Зобулистон.

Ба Эрон хиромеду бо хештан
Биёред аз ин дар яке анҷуман.

Шуд ин подшоҳӣ пур аз гуфтугӯй,
Чу пӯшид Хусрав зи мо рою рӯй

Фикандем ҳар гунае рой бун,
Зи Дастон кушояд ҳаме ин сухун».

1. М-Ба пеши сипаҳдори.
2. И-дидему лаб.

www.sattor.com

Суханҳои Гударз бишнид Гев,
Зи лашкар гузин кард мардони нев,

Барошуфту андеша андаргирифт,
Аз Эрон раҳи Систон баргирифт.

Чу наздики Дастону Рустам расид,
Бигуфт он шигифте, ки диду шунид.

Ғамӣ гашту бо номвар Зол гуфт,
Ки «Гаштем бо ранҷи бисёр[1] ҷуфт».

Ба Рустам чунин гуфт, к-«Аз бихрадон
Ситорашиносону ҳам мӯбадон

Зи Кобул бихону зи Зобул бихоҳ
Бад-он,*[2] то биёянд бо мо ба роҳ,[3]

Ҳама сӯи Дастон ниҳоданд рӯй,
Зи Зобул ба Эрон ниҳоданд рӯй.

Ҷаҳондор бар пой буд ҳафт рӯз,
Ба ҳаштум чу бифрӯхт гетифурӯз,

Дари парда бардошт солори бор,
Нишаст аз бари тахти зар шаҳрёр.

Ҳама паҳлавонон або мӯбадон
Бирафтанд наздики шоҳи ҷаҳон.

Фаровон бибуданд пешаш ба пой
Бузургони пурдонишу раҳнамой.

Ҷаҳондор чун дид, бинвохтшон,
Ба расми каён[4] ҷойгаҳ сохтшон.

---

1. И-ранҷу ғам ёру.
2. М- Ҳаме.
3. Л-б. 2579 нест;
ТПЗИ – Шуданд анҷуман мӯбадону радон,
Ситорашиносону ҳам бихрадон.
4. расме, ки буд.

www.sattor.com

Аз он номдорони хусравпараст,
Кас аз пой наншасту накшод даст.

Кушоданд лаб, к-«Эй сипеҳри равон,*[1]
Ҷаҳондори*[2] бododу равшанравон,

Тавоноиву фарри шоҳӣ турост,
Зи гил то ба хуршеду[3]*[4] моҳӣ турост.[5]

Ҳам паҳлавонон туро бандаем,
Ба гуфтору роят сарафкандаем,[6]

Ҳама бандагонем пешат ба пой,
Ҳама паҳлавонони фархундарой.

Бад-он то зи мо худ бад-ин боргоҳ[7]
Чӣ омад, ки бар мо бубастӣ ту роҳ?

Кунун рӯзгоре бар ин баргузашт,
Дили мо пурозору[8] тимор гашт.

Гар эдун, ки букшояд ин роз шоҳ
Бар ин марзбонони гумкардароҳ.

Агар ғам зи дарёст, хушкӣ кунем,
Ҳама чодари хок мушкӣ кунем.

В-агар кӯҳ бошад, зи бун барканем,
Ба ханҷар дили душманон бишканем.

В-агар чораи ин барояд зи ганҷ,
Набинад ба ганҷу дирам низ ранҷ.

---

1. М- К-эй шаҳи мӯбадон.
2. М-Сарафрозу.
3. Л-хуршед то бурҷи.
4. М-хуршед то пушти.
5. ТПЗИМ – Ҳама буданиҳо ба равшанравон
Бидонӣ, бигардон ба дониш забон*

* И-ҳама ошкору ниҳон.

6. ИЛ –б. 2704 нест.
7. Л-пойгоҳ.
8. ИЛ-пур аз дарду.

www.sattor.com

Ҳама посбонони ганҷи туем,
Пур аз дард,[1] гирён зи ранҷи туем.

Чунин дод посух ҷаҳондор боз,
Ки «Аз паҳлавонон наям бениёз,

Валекин надорам ҳаме дил ба ранҷ,
Зи нерӯи дасту зи мардону ганҷ.

На дар кишваре душман омад падид,
Ки тимори он бад бибояд бидид.*[2]

Яке орзу хост равшан дилам,
Ҳаме бар дил он орзу нагсилам.

Бад-ин орзу дорам акнун умед
Шаби тира то гоҳи рӯзи сапед.

Чу ёбам, бигӯям ҳама рози хеш,
Барорам ниҳон карда овози хеш.

Шумо бозгардед пирӯзу шод,
В-аз андеша бар дил магиред ёд»!

Ҳама паҳлавонони озодамард
Бар ӯ хонданд офаринҳо бадард.[3]

ДАР ХОБ ДИДАНИ КАЙХУСРАВ СУРУШРО

Чу эшон бирафтанд, бедоршоҳ
Бифармуд, то пардаи боргоҳ

Фурӯҳишту биншаст дарбон ба дар*[4]
Ба навмедӣ аз шоҳи пирӯзгар.*[5]

1. ИЛ-дарду
2. М-кашид.
3. И-2720 нест.
4. М-гирён ба дард.
5. М-Ҳаме буд печону рух ложвард.

www.sattor.com

Ҷаҳондор шуд пеши бартархудой,
Ҳаме хост то бошадаш раҳнамой.

Ҳаме гуфт, к-эй кирдгори сипеҳр,
Фурӯзандаи некиву доду меҳр.

Аз ин шаҳрёрӣ маро суд нест,
Гар аз ман худованд хушнуд нест.

Зи ман гар накӯиву гар рафт*[1] зишт,
Нишасти маро ҷой деҳ дар биҳишт.

Чунин панҷ ҳафта хурӯшон ба пой
Ҳаме буд дар пеши бартар Худой.[2]

Шаби тира аз ранҷ нағнуд шоҳ
Бад-он гаҳ, ки барзад сар аз чарх моҳ,

Бихуфт ӯву равшан равонаш нахуфт,
Ки андар ҷаҳон бо хирад буд ҷуфт.

Чунон дид дар хоб, к-ӯро ба гӯш
Нуҳуфта бигуфтӣ хуҷаста Суруш,

Ки «Эй шоҳи некахтари некбахт,
Бисуда*[3] басе ёраву тоҷу тахт.

Кунун он чи ҷустӣ, ҳама ёфтӣ,
Агар з-ин ҷаҳон тез биштофтӣ.

Ба ҳамсоягӣ довари пок ҷой
Биёбӣ, дар ин[4] тирагӣ-дар мапой!

Чу бахшӣ, ба арзониён бахш ганҷ,
Касеро супор ин сарои сипанҷ.

---

1. М- некӯӣ рафту бисёр.
2. ЛМ – пеши ҷаҳонкадхудой; И-бар пеши гетихудой.
3. М- бисудӣ.
4. ИЛ-бад-ин.

www.sattor.com

Тавонгар шавӣ, чунки[1] дарвешро
Навозиву[2] ҳам[3*4] мардуми хешро.[5]

Касе гардад эмин зи чанги бало,
Ки ёбад раҳо з-ин дами аждаҳо.

Ҳар он кас, ки аз баҳри ту ранҷ бурд,
Чунон дон, ки ранҷ аз паи ганҷ бурд.

Бубахшу ба арзониён бахш чиз,
Ки эдар намонӣ ту бисёр низ.

Сари тахтро подшоҳе гузин,
Ки эмин шавад мӯр аз ӯ бар замин.

Чу гетӣ бубахшӣ, маёсой ҳеч,
Ки омад туро рӯзгори басеч.

Зи Лӯҳросп ояд бад ин сон ҳунар,
Бад-ӯ деҳ ту шоҳиву тахту камар.

Чунон чун биҷустӣ зи Яздон ту ҷой,
Ба бемарг бархезу он ҷо гирой.

Басе чизи дигар ниҳонӣ бигуфт,
В-аз он огаҳӣ омад ӯро шигуфт.[6]

Чу бедор шуд ранҷдида зи хоб,
Зи хай дид ҷои парастиш пуроб.

Ҳаме буд гирёну рух бар замин,
Ҳаме хонд бар кирдгор офарин.

Ҳаме гуфт, агар тез биштофтам,
Зи Яздон ҳама коми дил ёфтам.

---

1. И-бикун марди.
2. Л-кунӣ шоду.
3. Ҳама шод кун.
4. М-кунӣ шодмон.
5. ТПЗ – Ки бедодгар бугсилад аз ҷаҳон,
   Яке бошадаш ошкору ниҳон.
6. ИЛМ-б. 2741-2743 нест.

www.sattor.com

Биёмад, абар[1] тахти шоҳӣ нишаст
Яке ҷомаи нобисуда ба даст.

Бипӯшиду бар шуд бар он[2] тахти оҷ,
Ҷаҳондор беёраву тавқу тоҷ.

АНДАРЗ КАРДАНИ ЗОЛ КАЙХУСРАВРО

Шашум[3] ҳафтаро[4] Золу Рустам ба ҳам
Расиданд бе кому дил пур зи ғам.

Чу ирониён огаҳӣ ёфтанд,
Ҳама доғдил пеш биштофтанд.

Чу Рустам падид омаду Золи Зар,
Ҳамон мӯбадони[5] фаровонҳунар.

Ҳар он кас, ки буд аз нажоди Зарасп,
Пазира шуданро барангехт асп.

Ҳама номдорони зарринакафш
Бирафтанд*[6] бо ковиёнӣ дурафш.

Чу Гударз пеши Таҳамтан расид,
Сиришкаш зи мижгон ба рух барчакид.

Сипоҳӣ ҳаме рафт рухсора зард
Зи Хусрав ҳама дил пур аз доғу дард.

Бигуфтанд бо Золу Рустам, ки «Шоҳ
Ба гуфтори Иблис гум кард роҳ.

Ҳама боргоҳаш сипоҳ асту бас,
Шабу рӯз ӯро надидаст кас.

1. Л-сари.
2. ИЛ-биншаст бад.
3. ИМ – сари.
4. Л-Паси ҳафтае.
5. И-ҳама мӯбадон бо.
6. М-Ҳамон Тус.

www.sattor.com

Аз ин ҳафта то он дари боргоҳ
Кушоянду пӯему ёбем роҳ.

Ҷуз он аст Кайхусрав, эй паҳлавон,
Ки дидӣ ту шодону равшанравон.

Шуда кӯз болои сарви саҳӣ,
Гирифта гули сурх ранги биҳӣ.

Надонам, ки чашми бад омад бар ӯй,
Чаро пажмурид он чу гулбарг рӯй.

Магар тира шуд бахти эрониён,
В-агар шоҳро з-ахтар омад зиён?

В-агар дев бурдаст ӯро зи роҳ,
Ба якборагӣ кард гетӣ табоҳ».[1]

Бад-эшон чунин гуфт Золи далер,
Ки «Бошад, ки шоҳ омад аз гоҳ сер.

Дурустиву ҳам дардмандӣ бувад,
Гаҳе хушшиву гаҳ нажандӣ бувад.

Шумо дил мадоред чандин ба ғам,
Ки аз ғам шавад ҷони хурам дижам.[2]

Бигӯем бисёру пандаш диҳем,
Ба панд ахтари судмандаш диҳем.

В-аз он пас ҳар он кас, ки омад зи роҳ,
Бирафтанд пӯён сӯи боргоҳ.

Ҳамон гаҳ зи дар парда бардоштанд,
Бар андозашон шод бугзоштанд.

Чу Дастону чун Рустами пилтан,
Чу Тусу чу Гударзу он анҷуман,

1. ИЛМ-б. 2763-2764 нест.
2. Л-б. 2767 нест.

www.sattor.com

Чу Гургину чун Бежану Густаҳам
Ҳар он кас, ки рафтӣ[1] зи гурдон ба ҳам.

Шаҳаншоҳ чун рӯи Дастон бидид,
Ҳам аз парда овои[2] Рустам шунид.

Пурандеша аз тахт бар пой ҷаст,
Бипурсидаш аз ҷою месуд даст.

Зи донандагон ҳар кӣ буд Зобулӣ,
Зи Қаннуҷ в-аз Данбару Кобулӣ,

Якояк бипурсиду бинвохтшон,
Ба расми меҳӣ ҷойгаҳ сохтшон.

Ҳамон низ з-эрониён ҳаркӣ буд,
Бар андозашон пойгаҳ барфузуд[3].

Бар ӯ офарин кард бисёр Зол,
Ки шодон бизӣ, то бувад моҳу сол!

Зи гоҳи Манучеҳр то Кайқубод
Аз он номдорон, ки дорем ёд,

Ҳамон Завви Таҳмоспу Ковуси Кай
Бузургону шоҳони фархундапай,

Сиёвуш маро худ чу фарзанд буд,
Ки бо фарру бо бурзу авранд буд,

Надидам касеро бад-ин бихрадӣ,
Бад-ин ному ин фарраи эзадӣ,

Ки шоҳ асту бодо ҳамеша ба ҷой,
Ба пирӯзиву мардиву доду[4] рой.*[5]

---

1. Л-будӣ.
2. Л-Ба парда- дар овози.
3. ТП – Якояк бибурданд пешаш намоз
Ҳама паҳлавонони гарданфароз.
4. Л-кому фарҳангу.
5. М- меҳру.

www.sattor.com

Бигаштӣ ҳама рӯи гетӣ[1] ба дод,
Ба бозомадан низ пирӯзу шод.

Чӣ меҳтар, ки пои туро хок нест,
Чӣ заҳр он ки номи ту тарёк нест?!

Яке носазо огаҳӣ ёфтам,
Бад-он огаҳӣ[2] тез биштофтам[3].

Аз Эрон кас омад, ки пирӯзшоҳ
Бифармуд, то пардаи боргоҳ

Набардорад аз пеш солори бор,
Бипӯшад зи мо чеҳри худ шаҳрёр.[4]

Ман аз дарди эрониён чун уқоб
Ҳаме тохтам ё чу киштӣ бар об.

Бад-он то бипурсам зи шоҳи ҷаҳон
Зи чизе ки дорад ҳаме дар ниҳон.

Ситорашиносону кундоварон,
Зи ҳар кишваре он ки дидам сарон.

Зи Қаннуҷу аз Дамбару Марғу Мой
Бирафтанд бо зичи ҳиндӣ зи ҷой.

Бад-он то биҷӯянд рози сипеҳр,
К-аз Эрон чаро шоҳ*[5] бубрид меҳр.

Ба се чиз ҳар кор некӯ шавад,
К-аз он*[6] тахти шоҳӣ беоҳу шавад.

1. Л-ту рӯи замон.
2. И- Чу хира шудам.
3. ТПЗ – Бигӯем бо шоҳи Эрон ба роз,
   Нашояд, к-аз ӯ роз дорем боз.
4. Л-чеҳраи шоҳвар.
5. М-пок.
6. М-ҳамон.

www.sattor.com

Ба ганҷу ба ранҷу ба мардони мард,
Ҷуз ин нест оини нангу набард.

Чаҳорум ба Яздон ситоиш кунем,
Шабу рӯз ӯро[1] ниёиш кунем,

Ки ӯй аст фарёдрас бандаро,
Ҳам ӯ боздорад газояндаро.[2]

Ба дарвеш бахшем бисёр чиз,
Агарчанд чиз арҷманд аст низ.

Бад-он то равони ту равшан кунад,
Хирад пеши ту мағз ҷавшан кунад».

ПОСУХ ДОДАНИ КАЙХУСРАВ ЗОЛРО

Чу бишнид Хусрав зи Дастон сухун,
Яке донишӣ посух афканд бун.

Бад-ӯ гуфт, к-Эй пири[3] покизамағз,
Ҳама рою гуфторҳои ту нағз.

Зи гоҳи Манучеҳр то ин замон
Наӣ ҷуз беозору некигумон.

Ҳам он номвар Рустами пилтан-
Сутуни каён, нозиши анҷуман

Сиёвахшро парваронанда[4] буд,
Бад-ӯ некуиҳорасонанда[5] буд.

Сипоҳе ки диданд кӯполи ӯй,
Бару*[6] миғфару шерфаш*[7] ёли ӯй,

1. ИЛ-пешаш.
2. Л-б. 2797 нест.
3. Л-марди.
4. Л-Сиёвушро парваронид. И-парваронид.
5. ИЛ-расонида.
6. М-Сару.
7. М-пилфаш.

www.sattor.com

Басе ҷанг нокарда бугрехтанд,
Дару дашт тиру камон рехтанд.[1]

Ба пеши ниёкони ман кинахоҳ
Чу дастури фаррух намояндароҳ.

В-агар номи ранҷи ту гирам ба ёд,
Бимонад сухан тоза то сад нажод.

Зи кирдори хуб ар пижӯҳиш бувад,
Туро ин ситоиш накӯҳиш бувад.

Дигар ҳар чӣ пурсидӣ аз кори ман,
Зи нododани бору озори ман,[2]

Бигӯям туро ин сухан сар ба сар,
Ки то ту бидонӣ ҳама дар ба дар.*[3]

Ба Яздон яке орзу доштам,
Ҷаҳонро ҳаме хор бугзоштам.

Кунун панҷ ҳафта-ст, то ман ба пой
Ҳаме хоҳам аз довари раҳнамой,[4]

Ки бахшад гузашта гуноҳи маро,
Бияфрӯзад ин тира моҳи[5] маро.

Барад мар маро з-ин сарои сипанҷ,
Намонад зи ман дар ҷаҳон дарду ранҷ.[6]

Набояд, к-аз ин ростӣ бугзарам,
Чу шоҳони пешин бупечад сарам.

---

1. И-б. 2806.
2. Л-б. 2810 нест.
3. М-аё пурҳунар.
4. Л-б. 2813.
5. И-Дурахшон кунад тира роҳи; Л-тирароҳ.
6. ТПЗМ – Зи боғи биҳиштам диҳад хуб ҷой,
Бувад дар ҳама некиям раҳнамой.
Л-пас аз б. омада:
Зи додори довар расидам ҷавоб,
Суруш омаду гуфт ҳангоми хоб.

www.sattor.com

Кунун ёфтам ҳарчи ҷустам зи ком,
Бибояд басечид, к-омад хиром.

Саҳаргаҳ маро чашм биғнуд дӯш,
Зи Яздон биёмад хуҷаста суруш,[1]

Ки барсоз, к-омад гаҳи рафтанат,
Сар омад нажандиву нохуфтанат.

Кунун боргоҳи ман омад ба сар,
Ғами лашкару тоҷу тахту камар».

Ғамӣ шуд дили паҳлавонон зи шоҳ,
Ҳама хира гаштанду гумкардароҳ.

Чу бишнид Зол ин сухан, бардамид,
Яке боди сард аз ҷигар баркашид.[2]

Ба эрониён гуфт, к-ин рой нест,
Хирадро ба мағз-андараш ҷой нест,

Ки то ман бубастам камар бар миён,
Парастандаам пеши тахти каён,

Зи шоҳон надидам, ки ин кас бигуфт,
Чун*[3] ӯ гуфт, моро набояд нуҳуфт,

Набояд будан эч хамдостон,
Чу ӯ пеш ронад чунин достон.

Магар дев бо ӯ ҳамовоз гашт,
Ки аз роҳи Яздон сараш боз гашт?

Фаридуну Ҳушанги яздонпараст
Бад-ин шох ҳаргиз набурданд даст.

---

1. Л-б. 2815, 2816-2818 нест.
2. ТПЗ – Бупечиду рух сӯи эронгурӯҳ,
Ба дил барфитода зи андӯҳ кӯҳ.
3. М-ки.

www.sattor.com

Бигӯям бад-ӯ ман ҳама ростӣ,
Гар ояд ба ҷон-андарун костӣ.

Чунин ёфт[1] посух аз[2] эрониён,
К-аз ин сон сухан кас нагуфт аз каён,

Ҳама бо туем, он чи гӯӣ ба шоҳ,
Мабодо, ки ӯ гум кунад расму роҳ.

НАКӮҲИШ КАРДАНИ ЗОЛ КАЙХУСРАВРО

Шунид ин сухан Золу бар пой хост,
Чунин гуфт, к-«Эй хусрави[3] роду рост,

Зи пири ҷаҳондида бишнав сухун,
Чу каж оварад рой, посух[4] макун,

Ки*[5] гуфтор талх аст бо ростӣ,
Бубандад[6] ба талхӣ дари костӣ.

Набояд, ки озор гирӣ зи ман
Аз ин ростӣ пеши ин анҷуман.

Ба Туронзамин зодӣ аз модарат,
Ҳам он ҷо буд орому обишх(в)арат.

Зи як сӯ набера рад Афросиёб,
Ки ҷуз ҷодувӣ шаб надидӣ ба хоб.

Чу Ковуси дижхим дигар ниё,
Пурожанг рух, дил пур аз кимиё.

Зи Ховар варо буд то Бохтар
Бузургиву шоҳиву тоҷу камар.

1. И-дод.
2. И-Зи.
3. Л-довари.
4. Л-фармон.
5. М-Чу.
6. Л-зи.

www.sattor.com

Ҳаме хост, к-аз осмон бугзарад,
Ҳамон гардиши ахтарон бишмарад.[1]

Бар он-бар басе пандҳо додамаш,
Ҳамин талх гуфтор букшодамаш.

Басе панд бишниду суде[2] накард,
Аз ӯ бозгаштам пур зи доғу дард.

Чу бар шуд, нагун андаромад ба хок,
Бубахшуд бар ҷон-ш Яздони пок.

Биёмад ба Яздон шуда носипос
Сари пур зи кину дили пурҳарос.

Ту рафтиву шамшерзан сад ҳазор
Зиреҳдор бо гурзаи говсор.

Чу шери жиён сохта размро,
Биёростӣ дашти Хоразмро.

Зи пеши сипаҳ тез рафтӣ ба ҷанг,
Пиёда шудӣ пеши ҷангӣ[3] Пашанг.

Гар ӯро будӣ бар ту-бар дастёб,
Ба Эрон кашидӣ рад Афросиёб.

Зану кӯдаки хурди эрониён
Нарастӣ, набастӣ ба кин кас миён.

Туро Эзад аз дасти ӯ раста кард,
Бубахшуду рои ту пайваста кард.

Бикуштӣ касеро, ки буд з-ӯ ҳарос
Ба додори доранда буд носипос.

1. И-б. 2839-2840 нест.
2. И-фармон.
3. И-пури.

www.sattor.com

Чу гуфтам, ки ҳангоми ором буд,
Гаҳи пӯшишу бахшишу ҷом буд.

Биёсуд аз ранҷ шоҳу сипоҳ
Ҳаме тоза дорем ҷон солу моҳ.[1]

Ба Эрон кунун кор душвор гашт,
Фузунтар бар он дил пурозор гашт.

Кунун барнаваштӣ раҳи эздӣ,
Ба кажжӣ кашидиву роҳи бадӣ.

Аз ин бад набошад танат судманд,
Наёяд*[2] ҷаҳонофаринро писанд.

Гар ин бошад, эй шоҳ, сомони ту,
Нагардад касе гирди фармони ту.

Пушаймонӣ ояд туро з-ин сухун,
Барандешу фармони девон макун.

В-агар низ ҷӯӣ чунин роҳи дев,
Бибуррад зи ту фари кайҳонхидев.

Бимонӣ пур аз дарду тан пургуноҳ,
Нахонанд аз ин пас туро низ шоҳ.

Ба Яздон паноҳу ба Яздон гирой,
Ки ӯяст бар некуӣ[3] раҳнамой.

Гар ин панди ман сар ба сар нашнавӣ,
Ба аҳримани бадкуниш бигравӣ,

Намонад дуруду намонад-т бахт,
На авранги шоҳӣ, на тоҷу на тахт.

1. ИЛМ –б. 2853 нест.
2. М-набошад.
3. И-Мар бандаро; ЛМ - неку бад.

www.sattor.com

Хирад бод ҷони туро раҳнамун,
Ки роҳи дароз аст пеш-андарун.[1]

Хирадманд бодиву пирӯзрой,
Ба покӣ бимонод мағзат ба ҷой!»

Суханҳои дастон чу омад ба бун,
Ялон баркушоданд яксар[2] сухун,

Ки «Мо ҳам бар онем, к-ин пир[3] гуфт,
Набояд дари ростиро нуҳуфт».

ПОСУХ ДОДАНИ КАЙХУСРАВ ВА ПӮЗИШ КАРДАНИ ЗОЛ

Чу Кайхусрав он гуфти эшон шунид,
Замоне барошуфту дам даркашид.

Ба андеша гуфт: «Эй ҷаҳондида Зол,
Ба мардӣ беандоза бишмурда[4] сол.

Агар сард гӯям-т дар анҷуман,
Ҷаҳондор напсандад ин бад зи ман.

Дигар он ки Рустам шавад дардманд,
Зи дарди вай ояд ба Эрон газанд.

Дигар он ки гар бишнавам ранҷи ӯй,
Фузун ояд аз номвар ганҷи ӯй.

Сипар карда пешам тани хешро,
Набуд хобу хӯр з-ӯ бадандешро.

Ҳама посухатро ба хубӣ кунам,
Дилатро ба гуфтори бад нашканам.

1. ЛМ-б. 2864 нест.
2. И-як-як.
3. Л-гурд.
4. ИЛ-паймуда.

www.sattor.com

Чунин гуфт Хусрав ба овози сахт,
Ки «Эй сарфарозони бедорбахт,

Суханҳои Дастон шунидам ҳама,
Ки бархонд онро ба пеши рама.

Ба доранда Яздони кайҳонхидев,
Ки дурам ман аз роҳу фармони дев.

Ба Яздон гирояд ҳаме ҷони ман,
Ки он дидам аз ранҷ дармони ман.

Бидид он ҷаҳонро дили равшанам,
Хурӯшад зи бадҳои ӯ ҷавшанам».

Ба Зол он гаҳе гуфт: «Тундӣ макун,
Бар андоза бояд, ки ронӣ сухун.

Нахуст он ки гуфтӣ зи туроннажод
Хирадманди бедор ҳаргиз назод.

Ҷаҳондор пури Сиёвуш манам,
Зи тухми каён шоҳи боҳуш манам.[1]

Набера ҷаҳондор Ковуси Кай,
Дилафрӯз пурдонишу[2] некпай.

Зи*[3] модар ҳам аз тухми Афросиёб,
Ки бо хашми ӯ гум шудӣ хурду хоб.

Набера Фаридуну пури Пашанг,
Аз ин гавҳарон худ[4] маро нест нанг,

Ки шерони Эрон ба дарёи об
Нашустӣ тан аз бими Афросиёб

1. ИЛ- рӯитанам.
2. И-бо донишу.
3. М-Ба.
4. ИЛ-мар.

www.sattor.com

Дигар он[1] ки Ковус сандуқ сохт,
Сар аз подшоҳӣ ҳаме барфарохт.

Чунин дон, ки андар фузунӣ маниш
Насозанд бар подшо сарзаниш.

Кунун ман чу кини падар хостам,
Ҷаҳонро ба хубӣ биёростам.[2]

Бикуштам касеро, к-аз ӯ[3] буд кин,
В-аз ӯ ҷавру бедод буд[4] бар замин.

Ба гетӣ маро низ коре намонд,
Зи бадгавҳарон шаҳрёре намонд.

Ҳар он кас, ки андеша гардад дароз
Зи шоҳиву аз давлати дарёз.

Чу Ковусу Ҷамшед бошам ба роҳ,
Чу Эшон зи ман гум шавад пойгоҳ.

Чу Заҳҳоки нопоку Тури далер,
Ки аз ҷаври эшон ҷаҳон гашт сер.

Битарсам, ки чун рӯз бар ях кашанд,
Чу эшон маро сӯи дӯзах кашанд.

Дигар он ки гуфтӣ, ки бо Шеда ҷанг
Барорости чун диловар наҳанг,

Аз он буд, к-аз Эрон надидам савор,
На аспафкане аз дари корзор,

Ки танҳо бари ӯ ба ҷанг омадӣ
Чу рафтӣ ба размаш диранг омадӣ.

1. И-Ва дигар.
2. ИЛМ – пирӯзӣ оростам.
3. И-ки з-ӯ.
4. –ҷаврбудӣ ҳаме.

www.sattor.com

Ҳаме хор будӣ ба ҷанги Пашанг,
Аз Эрон бад-ин ман шудам тезчанг.[1]

Касеро куҷо фарри Яздон бувад,
Дигар ахтараш низ рахшон[2] бувад.

Бад-ин панҷ ҳафта, ки ман рӯзу шаб
Ҳаме б-офарин баркушоям ду лаб.

Бад-он то ҷаҳондор Яздони пок
Раҳонад маро з-ин ғаму тирахок.

Шудам сер аз ин лашкару тоҷу тахт,
Сабук боз[3] гаштему бастем рахт.

Ту эй пири фархунда*[4] Дастони Сом,
Маро дев гуфтӣ,[5] ки бинҳод дом.

Ба ториву кажжӣ бигаштам*[6] зи роҳ
Равон гашт бе мояву дил сиёҳ.[7]

---

1. Л- Ҳама хок будӣ ба ҷанги наҳанг,
Аз Эрон ба Турон шудам з-ин ба ҷанг.
2. Л- чандон.
3. Л-сабукбор.
4. М-бедори.
5. ИЛ- гӯӣ.
6. М-нагаштам.
7. ТПЗ. – Агар дев бурдӣ маро дил зи роҳ,
Табаҳ кардаме бештар з-ин сипоҳ.
Радонро саросар биёзурдаме,
Гавонро ҳаме хуни дил хурдаме,
Кашоварзро тухм бубридаме,
Зи бедод ҳаргиз напурсидаме.
Бидидӣ зи ман оташи тез «жанд»
Надодӣ ба некӣ дилам низ панд.
Дар оташкада об дарбастаме,
Тани мӯбадонро ҳаме хастаме.
Чу ман дурам аз ин ҳама бадхавӣ,
Ба мину ҳаме раҳ барам аз навӣ.
Бидонед, к-ин кори ман эзадист,
На фармони дев асту нобихрадист.
Надонам бад-инҳо, ки гуфтӣ ба ман
Чӣ бад бинӣ, эй Зол, аз хештан.

www.sattor.com

Надонам, ки бодафраи эзадӣ
Куҷо ёбӣ аз рӯзгори бадӣ».

Чу Дастон шунид ин сухан, тира гашт,
Ҳама чашмаш аз рӯи ӯ хира гашт.

Хурӯшон шуд он гоҳу бар пой ҷаст,
Чунин гуфт, к-«Эй шоҳи яздонпараст,

Зи ман буд тезиву нобихрадӣ,
Туӣ поку фарзонаи эзадӣ.[1]

Сазад, гар бубахшӣ гуноҳи маро,
Агар дев гум кард роҳи маро.[2]

Маро солиён шуд фузун аз шумор,
Камар бастаам пеши ҳар шаҳрёр.

Зи шоҳон надидам, к-аз ин гуна роҳ
Биҷустӣ зи дидори хуршеду моҳ.

Кунун гашт Кайхусрав омӯзгор,
К-аз ӯ дур бодо бади рӯзгор!

Нахоҳам, ки бошам зи Хусрав ҷудо,
Хирад бод бар тира ҷонам гуво.

Фузун аст аз он ранҷ[3] кирдори шоҳ,
Ба Эрон ба наздики ҳар некхоҳ,

Ки моро ҷудоӣ бувад орзӯй,
Аз ин*[4] додгар хусравӣ некхӯй?

---

1. Л-2907-2909 нест.
2. ТПЗ – Аз он буд куҷо ин сухан дар ҷаҳон,
Набуд гуфта кас аз кеҳону меҳон.
Кунун гаштам огоҳ, к-он эзадист,
На аз роҳи оҳарманиву бадист.
3. Л-ранҷу.
4. М-ту.

www.sattor.com

Суханҳои Дастон чу бишнид шоҳ,
Писанд омадаш пӯзиши некхоҳ.

Биёзиду бигрифт досташ ба даст,
Бари хеш бурдаш ба ҷои нишаст.

Бидонист, к-ӯ ин сухан ҷуз ба меҳр
Набинмуд бар шоҳи хуршедчеҳр.[1]

АНДАРЗ КАРДАНИ КАЙХУСРАВ БА ЭРОНИЁН

Чунин гуфт пас шоҳ бо Золи Зар
Ки «Акнун бубандед яксар камар.

Туву Рустаму Тусу Гударзу Гев,
Дигар ҳар ки ӯ номдор асту нев,

Саропарда аз шаҳр берун баред,
Дурафши ҳумоюн ба ҳомун баред.

Зи хиргоҳу аз хайма чандон, ки ҳаст,
Бисозед бар дашт ҷои нишаст.

Дурафши бузургону пилу сипоҳ,
Бисозед равшан яке базмгоҳ!»

Чунон кард Рустам, ки Хусрав бигуфт,
Бибурданд пардасарой аз нуҳуфт.

Ба ҳомун кашиданд эрониён,
Ба фармон бубастанд яксар миён.

Замин кӯҳ то кӯҳ пурхайма буд,
Сапеду сиёҳу бунафшу кабуд.

Миён-андарун ковиёнӣ дурафш,
Ҷаҳон з-ӯ шуда сурху зарду бунафш

1. Л-2919 нест.

www.sattor.com

Саропардаи Зол наздики шоҳ
Кашиданд бар дашт пеши сипоҳ.[1]

Ба дасти чапаш Рустами паҳлавон,
Зи Кобул бузургони равшанравон.

Ба пеш-андарун Тусу Гударзу Гев,
Дигар Бежану гурд Гургини[2] Нев.

Паси пушт Шопур бо[3] Густаҳам,
Бузургон, ки буданд бо ӯ ба ҳам.

Шаҳаншоҳ бар тахти заррин нишаст,
Яке гурзаи говпайкар ба даст.

Ба як дасти шаҳ[4] Золу Рустам ба ҳам
Чу пили сарафрозу шери дижам.

Ба дасти дигар Тусу Гударзу Гев,
Чу Гургини Фарҳоду Шопури[5] нев.

Ниҳода ҳама чашм бар чеҳри шоҳ,
Бад-он то чӣ гӯяд зи кори сипоҳ.

Ба овоз гуфт он замон шаҳрёр,
Ки «Эй номдорони мардони кор,[6]

Ҳар он кас, ки доранд[7] рою[8] хирад,
Бидонанд,[9] к-ин неку бад бугзарад.[10]

1. ИЛМ – Барафрохта з-ӯ дурафши сиёҳ.
2. ЛМ –Чу Гургину Харроду Шопури.
3. ИЛМ-пушти ӯ Бежану.
4. ЛМ-дасти ӯ.
5. Л-Дигар Бежани гурду Гургини; ИМ-Чу Руҳҳому Шопуру Гургини.
6. ЛМ –беҳрӯзгор.
7. ЛМ-доред
8. И-доред хушу.
9. ИЛ-Бидонед.
10. ТПЗ – Зи ҳар даст чизе фароз оварем,
Ба душман супорему худ бугзорем*
Намонад касе худ ба гетӣ дароз,
Ки н-омад мар ӯро ба рафтан ниёз.

www.sattor.com

Гузаштан кунун беҳ, ки бо лашкарем,
Набояд, ки бедастгаҳ бугзарем.[1]

Кунун гов моро ба чарм-андар аст,
Ки подошу бодафраи дигар аст.

Битарсед яксар зи Яздони пок,
Набошед эмин дар ин тирахок,

Ки ин рӯз бар ҳар касе*[2] бугзарад,
Замона дами мо ҳаме бишмарад.

Зи Ҳушанги рад то ба Ковусшоҳ,
Ки буданд бо фарру тахту кулоҳ,

Ҷуз аз номи эшон ба гетӣ намонд,
Касе номаи рафтагон барнахонд.

Аз эшон басе носипосон буданд,
Ба фарҷом аз ин бад ҳаросон буданд.

Чу эшон ҳамон ман яке бандаам,
В-агарчанд бо ранҷ кӯшандаам.[3]

Бикӯшидаму ранҷ бурдам басе,
Надидам, ки эдар бимонад касе.

Кунун ҷону дил з-ин сарои сипанҷ
Бикандам, баровардам аз дард ранҷ.

Бад-он гаҳ, ки хам гирадат ёлу пушт,
Ба ҷуз бод чизе надорӣ ба мушт.
Гаронӣ дарояд туро дар ду гӯш,
На тан монадат бар яке сон, на ҳуш.
Набинӣ ба чашму напӯӣ ба пой,
Бигӯӣ ба бонги баланд, эй Худой,
Маро пеши худ бар ба зудӣ, на дер.
Ки гаштам ман аз хоки торик сер.

* ИЛМ- танҳо 60 якум мавҷуд аст.

1. ИЛМ-б. 2825 нест.
2. М-мо ҳаме.
3. И-б. 2832 нест.

www.sattor.com

Кунун он чи*[1] ҷустам, ҳама ёфтам,
Зи тахти каӣ[2] рӯй бартофтам.

Ҳар он кас, ки дар пеши ман бурд ранҷ,
Бубахшам бад-ӯ ҳар чи хоҳад зи ганҷ.

Зи кирдори ҳар кас, ки дорам сипос,
Бигӯям ба Яздони некишинос.

Ба эрониён бахшам ин хоста
Силеҳу ҳамон[3] ганҷи ороста.

Ҳар он кас, ки ҳаст аз шумо меҳтаре,
Бубахшам ба ҳар меҳтаре кишваре.

Ҳамон бадраву бардаву чорпой
Барандешам, орам шумораш ба ҷой.

Бубахшам, ки ман роҳро сохтам,
В-аз ин тирагӣ дил бипардохтам.

Шумо дасти шодӣ ба хӯрдан баред,
Ба як ҳафта-андар чамеду чаред.

Бихоҳед, то з-ин сарои сипанҷ
Гузар ёбаму дур монам зи ранҷ».

Чу Кайхусрав ин пандҳо баргирифт,
Бимонданд гурдон аз ӯ дар[4] шигифт.

Яке гуфт, к-«Ин шоҳ девона шуд,
Хирад бо дилаш ҳамчу[5] бегона шуд.[6]

1. М-ҳарчи.
2. И-каён.
3. ЛМ-зару.
4. Л-гурдони Эрон.
5. И-сахт.
6. ТПЗ – Ҷуз ӯ пеш аз ин ин сухан кас нагуфт,
Ҳар он, к –ӯ хирад дошт бо рой ҷуфт.
Бузургон бимонданд яксар ғамӣ,
Зи шодӣ шуда дуру аз хуррамӣ.

www.sattor.com

2965 Надонам бар ӯ- бар чӣ хоҳад расид,
Куҷо хоҳад ин тоҷу тахт орамид.[1]

Бирафтанд яксар гурӯҳогурӯҳ,
Ҳама дашт лашкар буду роғу кӯҳ.

Ҳама кору гуфтори ӯ эзадист.
На аз роҳи кажживу нобихрадист.

Ғави ною овози аспон[2] зи дашт
Ту гуфтӣ ҳаме аз ҳаво баргузашт.

Бибуданд, як ҳафта з-ин гуна шод,
Касеро наёмад ғаму ранҷ ёд.

Ҳаме ин бад-он, он бад- ин бингарид,
Мар ин бандро кас надидаш калид.
Бимонданд сар пеш бар пой- бар.
Чу девона гаштанд бар ҷой- бар,
Чунин гуфт Зол он гаҳе дар сухан
Миёни бузургону он анҷуман.

1. ТПЗ - Чӣ дорад ба дил номбардор шоҳ?
Чӣ фармон гузорад ба кори сипоҳ?
2. ИЛ-мастон.

www.sattor.com

ФЕҲРИСТИ ФУСУЛИ ҶИЛДИ ПАНҶУМ

Достони дувоздаҳ рух. Оғози достон 5
Дархондани Афросиёб сипоҳро 6
Фиристодани Кайхусрав Гударзро ба ҷанги турониён 10
Паём бурдани Гев аз Гударз назди Пирон 18
Рафтани Гев ба Висагирд ба назди Пирон 24
Саф кашидани ҳар ду лашкар 27
Рафтани Бежан ба назди Гев ва разм хостан 35
Дастурии набард хостани Ҳумон аз Пирон 40
Разм хостани Ҳумон аз Руҳҳом 43
Разм хостани Ҳумон аз Фарибурз 47
Разм хостани Ҳумон аз Гударз 50
Огоҳ шудани Бежан аз кирдори Ҳумон 56
Додани Гев диръи Сиёвуш ба Бежан 64
Омадани Ҳумон ба ҷанги Бежан 69
Кушта шудани Ҳумон ба дасти Бежан 74
Шабехун кардани Настеҳан ва кушта шудани ӯ 79
Ёрӣ хостани Гударз аз Хусрав 85
Посухи номаи Гударз аз Хусрав 90
Лашкар оростани Хусрав 95
Номаи Пирон ба Гударзи Кашвод 99
Посухи номаи Пирон аз Гударз 108
Посухи пайғоми Пирон аз Афросиёб 121
Ёрӣ хостани Пирон аз Афросиёб 125
Разми эрониён ва турониён ба анбӯҳ 131
Разми Гев ва Пирон ва фурӯ мондани аспи Гев 137
Паймон кардани Гударз ва Пирон ба ҷанги ёздаҳ рух 143
Сухан кардани Пирон бо номдорони хеш 153
Номзад кардани Гударз ва Пирон гавонро барои ҷанги ёздаҳ рух 157
Ҷанги Фарибурз бо Калбод 163
Разми Гев бо Гурӯи Зиреҳ 164
Разми Гуроза бо Сиёмак 165
Разми Фурӯҳил бо Зангӯла 166
Разми Руҳҳом бо Бормон 167
Разми Бежан бо Рӯин 169
Разми Ҳаҷир бо Сипаҳрам 170
Разми Гургин ва Андаримон 171
Разми Барта бо Кӯҳрам 172
Разми Зангаи Шоварон бо Ахвост 173

www.sattor.com

Разми Гударз бо Пирон..175
Бозомадани Гударз ба назди гавони Эрон 180
Зорӣ кардани Лаҳҳок ва Фаршедвард бар Пирон....................................184
Роҳи Турон гирифтани Лаҳҳок ва Фаршедвард..190
Рафтани Густаҳм аз паси Лаҳҳок ва Фаршедвард....................................193
Рафтани Бежан аз паси Густаҳм 197
Кушта шудани Лаҳҳок ва Фаршедвард ба дасти Густаҳм.........................201
Дидани Бежан Густаҳмро ба марғзор 204
Дахма кардани Кайхусрав бар Пирон ва сарони Турон
ва куштан Гурӯи Зиреҳро..209
Зинҳор хостани турониён аз Кайхусрав..215
Бозомдани Бежан бо Густаҳм..219

Подшоҳии Кайхусрав. Ҷанги бузурги Кайхусрав бо
Афросиёб. Андар ситоиши Султон Маҳмуд..224
Оғози достон. Лашкар оростани Кайхусрав бо Афросиёб........................232
Огоҳӣ ёфтани Афросиёб аз кушта шудани Пирон ва лашкар
оростани Кайхусрав 241
Огоҳӣ ёфтани Кайхусрав аз омадани Афросиёб ба ҷанги ӯ 252
Омадани Пашанг наздики падар Афросиёб 254
Пайғом фиристодани Афросиёб ба наздики Кайхусрав...........................259
Посух фиристодани Кайхусрав ба Афросиёб 266
Посух фиристодани Кайхусрав Афросиёбро...271
Разми Кайхусрав бо Шеда - писари Афросиёб..274
Кушта шудани Шеда бар дасти Хусрав 281
Разми ду лашкар ба анбӯҳ...285
Ҳазимат шудани Афросиёб..295
Фатҳнома навиштани Кайхусрав ба Ковус 297
Расидани Афросиёб ба Гангдиж..298
Гузаштани Хусрав ба Ҷайҳун 301
Разм кардани Кайхусрав бори дигар бо Афросиёб.....................................305
Паноҳ гирифтани Афросиёб дар Гангбиҳишт...309
Номаи Афросиёб наздики фағфури Чин..315
Омадани Кайхусрав пеши Гангдиж...317
Омадани Ҷаҳн бо пайғоми Афросиёб назди Кайхусрав 320
Посух додани Кайхусрав Ҷаҳнро 326
Разми Кайхусрав бо Афросиёб ва гирифта шудани Гангдиж 332
Гурехтани Афросиёб аз Ганг 338
Зинҳор додани Хусрав Афросиёбро..340
Панд додани Кайхусрав эрониёнро...346
Номаи Кайхусрав ба Ковус ба навиди фирӯзӣ..348
Огоҳӣ ёфтани Кайхусрав аз омадани Афросиёб бо лашкари фағфур........351
Номаи Афросиёб ба Кайхусрав..354
Ҷанги эрониён бо турониён 357
Шабехун кардани Афросиёб бар Кайхусрав ва шикаст ёфтан...................359
Расул фиристодани хоқони Чин назди Кайхусрав 366

www.sattor.com

Баргузаштани Афросиёб аз оби Зиреҳ 368
Фиристодани Кайхусрав бандиён ва ганҷ назди Ковус бо нома................ 372
Посухи номаи Хусрав аз Ковусшоҳ 379
Пайғом фиристодани Кайхусрав наздики фағфури Чин
ва шоҳи Мукрон 381
Размиi Кайхусрав бо шоҳи Мукрон ва кушта шудани шоҳи Мукрон 385
Гузаштани Кайхусрав аз оби Зиреҳ... 391
Расидани Кайхусрав ба Ганг... 395
Бозгаштани Кайхусрав аз Гангдиж сӯи Сиёвушгирд................................. 398
Бозгаштани Кайхусрав аз Турон ба Эронзамин.. 405
Бозомадани Кайхусрав ба назди ниё.. 408
Гирифтор шудани Афросиёб бар дасти Ҳум аз нажоди Фаридун 413
Гурехтани Афросиёб аз дасти Ҳум... 417
Омадани Ковус ва Хусрав наздики Ҳум 421
Гирифтор шудани Афросиёб бори дувум ва кушта шудани
ӯ ва Гарсеваз... 424
Боз омадани Ковус ва Хусрав ба Порс 429
Мурдани Кайковус 431
Раҳо кардани Кайхусрав Ҷаҳнро аз банд ва додан
подшоҳии Турон ӯро 434
Ноумед гаштани Кайхусрав аз ҷаҳон... 442
Пижӯҳиш кардани бузургон аз борбастани Кайхусрав 446
Хондани эрониён Зол ва Рустамро... 450
Дар хоб дидани Кайхусрав Сурушро 454
Андарз кардани Зол Кайхусравро 457
Посух додани Кайхусрав Золро.. 461
Накӯҳиш кардани Зол Кайхусравро... 464
Посух додани Кайхусрав ва пӯзиш кардани Зол 467
Андарз кардани Кайхусрав ба эрониён.. 472

www.sattor.com

АБУЛҚОСИМ
ФИРДАВСӢ

ШОҲНОМА

ҶИЛДИ VI

ДУШАНБЕ,
«АДИБ»
2008

www.sattor.com

ББК 83,3(0)9+83,3 (2 тоҷик)
А-19

Таҳияи матн ва луғату тавзеҳот аз
КАМОЛ АЙНӢ** ва **ЗОҲИР АҲРОРӢ

Муҳаррир
Мубашшир Акбарзод

А-19 ***Абулқосим Фирдавсӣ*. Шоҳнома**. — Душанбе: «Адиб», 2008. -480 саҳ.

Ба хонандаи азиз чопи севуми "Шоҳнома"-и безаволи Ҳаким Фирдавсӣ, ки бо кӯшиши таҳиягарони матни он омода гаштааст, пешкаш мегардад. Муҳаққиқон дар ин нашр аз нусхаҳои дигари "Шоҳнома" истифода кардаанд, ки ин арзиши корашонро бештар мекунад.

ISBN 978-99947-32-84-5

© Нашриёти "Адиб", 2008.

www.sattor.com

ВАСИЯТ КАРДАНИ КАЙХУСРАВ ГУДАРЗРО

Ба ҳаштум нишаст аз бари гоҳ шоҳ[1]
Абе ёраву гурзу зарринкулоҳ.

Чу омад-ш рафтан ба тангӣ фароз,
Яке ганҷро дар кушоданд боз.

Чу букшод он ганҷи ободро,
Васӣ кард Гударзи Кашводро.

Бад-ӯ гуфт: «Бингар ба кори ҷаҳон,
Ки бо ошкоро чӣ дорад ниҳон.

Гаҳе*[2] ганҷро рӯзи огандан аст
Ба сахтиву рӯзе парокандан аст.

Нигаҳ кун работе, ки вайрон бувад,
Пуле к-он ба наздики Эрон бувад.

Дигар обгире ки бошад хароб
Аз Эрону аз ранҷи Афросиёб.

Дигар кӯдаконе, ки бемодаранд,
Заноне ки бешӯю бечодаранд,

Дигар он, к-аш ояд ба пирӣ ниёз,
Зи ҳар кас ҳаме дорад ӯ ранҷ боз.

Бар эшон дари ганҷ баста мадор,
Бубахшу битарс аз бади рӯзгор.[3]

---

1. Л-боргоҳ
2. М-ки ҳар.
3. ТПЗЛИ – Дигар ганҷ, к-аш ном Бодовар аст,
Пур аз афсару зевару гавҳар аст.

www.sattor.com

Нигаҳ кун ба шаҳре, ки вайрон шудаст,
Куноми палангону шерон шудаст.

Дигар ҳар куҷо расми оташкада-ст,
Ки бе ҳирбад ҷои вайрон шудаст.[1]

Се дигар касе к-ӯ зи тан боз монд,
Ба рӯзи ҷавонӣ дирам барфишонд.

Дигар чоҳсоре, ки беоб гашт,
Фаровон бар ӯ солиён баргузашт.

Бад-ин ганҷи симу зар обод кун,
Дирам хор кун, маргро ёд кун.

Дигар ганҷ, к-аш хондандӣ Арӯс,
Ки оганд Ковус дар шаҳри Тус,

Ба Гударз фармуд, к-онро бубахш
Ба Геву ба Золу худованди Рахш.

Ҳама ҷомаҳои танаш[2] баршумурд,
Пас он гоҳ[3] яксар ба Рустам[4] супурд.

Ҳама ёраву тавқи кундоварон
Ҳамон ҷавшану гурзҳои гарон.

Ба Густаҳм бахшид, к-ӯро сазид,
В-аз он пас зи аспону зин баргузид.[5]

Гаронмоя аспон,[6] ки будаш яла,
Ба Туси сипаҳбад супурдаш гала.

1. ТПЗ - Бибояд ҳаме оташ афрӯхтан,
Бад-он номи некӯ бияндӯхтан.
2. Л-ҷомаҳо пеши ӯ.
3. И- нигаҳ карду.
4. ЛМ – Нигаҳ карду яксар бад-эшон.
5. ИЛ-2889 нест.
6. ИЛМ – зи аспон ба ҷое.

www.sattor.com

Ҳама боғу гулшан ба Гударз дод,
В-аз айвонҳое, ки ӯ кард ёд.

Силеҳи танаш он чи дар ганҷ буд,
Ки ӯро бад-он хоста ранҷ буд,

Супурданд яксар ба Геви далер
Бад-он гаҳ, ки Хусрав шуд аз гоҳ[1] сер.

Зи айвону хиргоҳу пардасарой,
Ҳамон хаймаву охуру чорпой.

Фарибурзи Ковусро дод шоҳ
Ҳамон[2] ҷавшану таргу румикулоҳ.[3]

Яке тавқ равшантар аз муштарӣ,
Зи ёқути рахшон ду ангуштарӣ.

Набишта бар ӯ номи шоҳи ҷаҳон,
Ки андар ҷаҳон он набудӣ ниҳон.[4]

Ба Бежан чунин гуфт к-«Ин ёдгор
Ҳамин[5] дору ҷуз тухми некӣ макор».

Ба эрониён гуфт: «Ҳангоми ман
Фароз омаду тоза шуд коми ман.

Бихоҳед чизе ки бояд зи ман,
Ки омад парокандани анҷуман».

Ҳама меҳтарон зор гирён шуданд,
Зи дарди шаҳаншоҳ бирён шуданд.

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки то шаҳрёр
Киро монад ин тоҷро ёдгор?

1. И-чанг.
2. Л-Басе; ИМ-яке.
3. Л-зарринкулоҳ.
4. И-пас аз б. 2994 б. омада, ки такрори бемавқеи б. болост.
5. Л- ҳаме.

www.sattor.com

ХОСТАНИ ЗОЛ МАНШУР АЗ КАЙХУСРАВ БАРОИ РУСТАМ

Чу бишнид Дастони хусравпараст,
Заминро бибӯсиду бар пой ҷаст.

Чунин гуфт, к- «Эй шаҳрёри ҷаҳон,
Сазад, к-орзуҳо намонад ниҳон.

Ту донӣ, ки Рустам ба Эрон чӣ кард
Ба разму ба ранҷу ба нангу набард.

Чу Ковуси Кай шуд ба Мозандарон
Раҳи дуру фарсангҳои гарон,

Ки девон бубастанд Ковусро
Чу Гударзи гарданкашу Тусро.

Таҳамтан чу бишнид, танҳо бирафт,
Ба Мозандарон рӯй бинҳод тафт.

Биёбону торикиву деву шер,
Чи ҷодузану аждаҳои далер.

Бад-он ранҷу тимор бубрид роҳ,
Ба Мозандарон шуд ба наздики шоҳ.

Бидаррид паҳлӯи деви сапед,
Ҷигаргоҳи Авлоди Ғундиву Бед.

Сари Санҷаро он гаҳ[1] аз тан[2] биканд,
Хурӯшаш[3] баромад ба чархи[4] баланд.

Чу Ковус шуд сӯи Ҳомоварон,
Бубастанд ӯро ба банди гарон.

1. И-ногоҳ.
2. Л-ногаҳ аз бун.
3. И- хурӯше.
4. ИЛ- абри.

www.sattor.com

Або Тусу Гударзу ҳам Гевро,
Далерони фарзонаи невро.

Таҳамтан бишуд бо сипоҳи гарон,
Аз Эрону Зобул гузида сарон.

Раҳо кард аз банд Ковусро,
Чу Гударзу ҳам Геву ҳам Тусро.[1]

Чу Сӯҳроб фарзанд, к-андар ҷаҳон
Касеро набуд аз кеҳону меҳон,

Бикушт аз паи кини Ковусшоҳ,
Зи дардаш бигиряд ҳаме солу моҳ.

В-аз он пас куҷо разми Комус кард,
Ба мардӣ ба абр андаровард гард.

Зи кирдори ӯ чанд ронам сухун,
Ки он достонҳо наёяд ба бун.

Агар шоҳ сер ояд аз тоҷу гоҳ,
Чӣ монад бар ин шердил некхоҳ?»

Чунин дод посух, ки «Кирдори ӯй
Ба наздики мо ранҷу пайкори[2] ӯй

Кӣ донад, магар кирдгори сипеҳр,
Намояндаи доду орому меҳр?

Суханҳои ӯ нест андар нуҳуфт,
Набошад[3] кас ӯро ба офоқ ҷуфт.

Бифармуд, то рафт пешаш дабир,
Биёвард қиртосу мушку абир.

1. И-б. 2893-2896 нест.
2. ИЛ –тимори.
3. ИЛМ- надонад.

www.sattor.com

Навиштанд аҳде зи шоҳи замин
Сарафроз Кайхусрави покдин.[1]

Зи баҳри сипаҳбад гави пилтан
Ситуда ба мардӣ ба ҳар анҷуман,

Ки ӯ бошад андар ҷаҳон пешрав,
Ҷаҳондору солору бедору гав.[2]

Сипаҳдори пирӯзу лашкарфурӯз
Ҳам ӯро бувад кишвари Нимрӯз.

Ниҳоданд бар аҳд-бар мӯҳри зар
Бар оини Кайхусрави додгар.

Бад-ӯ дод маншуру кард офарин,
Ки « Обод бодо ба Рустам замин!».

Меҳоне ки бо Золи Соми савор
Бирафтанд бо зичҳо бар канор,

Бубахшидашон ҷомаву симу зар,
Бибуданд з-ӯ ҳар яке баҳравар.

МАНШУР ДОДАНИ КАЙХУСРАВ ГЕВРО

Чу он дид Зол, офарин кард сахт
Бар он шоҳи бедори пирӯзбахт.[3]

Чу биншаст,[4] Гударз бар пой хост,
Биёрост бо шоҳ гуфтори рост.

Чунин гуфт, к-«Эй шоҳи пирӯзбахт,
Надидем чун ту худованди тахт.

1. ИЛ-б. офарин.
2. ТПЗМ – Зи Зобулситон то ба дарёи Синд,
Ҳама Кобулу Дамбару Мою Ҳинд,
Дигар Бусту Ғазнину Зобулситон,
Раворав чунин то ба Кобулситон.
3. Л-б. 2914 нест.
4. ЛМ – Ҷаҳондида.

www.sattor.com

Зи гоҳи Манучеҳр то Кайқубод
Зи Ковус то шоҳи фаррухнажод,

Ба пеши бузургон камар бастаем,
Ба ором[1] як рӯз наншастаем.

Наберу[2] писар буд ҳафтоду ҳашт,
Кунун монд аз он ҳашту дигар гузашт.

Ҳамон Геви бедордил ҳафт сол
Ба Туронзамин буд бе хурду ҳол.

Ба дашт-андарун гӯр буд хурданаш
Ҳамон чарми нахчир пероҳанаш.

Ба Эрон расид, он чи буд, шоҳ дид,
Ки тимори ӯ Гев чанде кашид.

Ҷаҳондор сер омад аз тоҷу гоҳ,
Ҳаме чашм дорад ба хубӣ зи шоҳ».

Чунин дод посух, ки «Беш аст аз ин,
Ки бар Гев бодо ҳазор офарин!

Худованди гетӣ варо ёр бод,
Гули бадсиголаш пур аз хор бод!

Каму беши ман пок дар дасти туст,
Ки равшанравон бодиву тандуруст!»

Бифармуд аҳди Қуму Исфаҳон
Ниҳоди бузургону ҷои меҳон.

Навишта*[3] зи мушку зи анбар дабир
Яке нома аз подшо[4] бар ҳарир.

---

1. ИЛМ – беозор.
2. ИЛ- набера.
3. М-навишташ.
4. Л-пошоҳ.

www.sattor.com

Яке мӯҳри заррин бар ӯ барниҳод,
Бар он нома шоҳ[1] офарин кард ёд.

Ки «Яздон зи Гударз хушнуд бод,
Дили бадсиголаш пур аз дуд бод!»

Ба эрониён гуфт: «Геви далер,
Ки ёли ялон дораду чанги шер.

Бидонед, к-ӯ ёдгори ман аст,
Ба назди шумо зинҳори ман аст.

Мар ӯро ҳама пок фармон баред,
Зи гуфтори Гударз барнагзаред».

Зи гударзиён ҳар кӣ буд пешрав,
Яке офарин кард бар шоҳи нав.[2]

МАНШУР ДОДАНИ КАЙХУСРАВ ТУСРО

Чу Гударз биншаст, бархост Тус,
Бишуд пеши Хусрав, замин дод бӯс.

Бад-ӯ гуфт: «Шоҳо, анӯша бадӣ,
Ҳамеша зи ту дур дасти[3] бадӣ!

Манам з-ин бузургон фаридуннажод,
Зи мо фаррухон то биёмад Қубод.

Камар бастаам пеши эрониён,
Ки накшодам аз банд ҳаргиз миён.

Ба кӯҳи Ҳамовон зи ҷавшан танам
Бихасту набуд эч пероҳанам.

Ба кини Сиёвуш бад-он размгоҳ
Будам ҳар шабе посбони сипоҳ.

1. Л-Абар ном шаҳ.
2. И-б. 2934 нест.
3. И-чашми.

www.sattor.com

Ба Лодан сипаҳро накардам раҳо,
Ҳаме будам андар дами аждаҳо.

Ба Ҳомоварон баста Ковус буд,
Дигар банд бар гардани Тус буд.

Ба Мозандарон низ бо ӯ ба банд
Зи баҳри ҷаҳондор будам нажанд.

Ҳама ҷой пешаш сипаҳбад будам,
Агар нек будам, агар бад будам.[1]

Накардам сипаҳро ба ҷое яла,
На аз ман касе кард ҳаргиз гила.

Кунун шоҳ сер омад аз тоҷу ганҷ,
Ҳаме бугзарад з-ин сарои сипанҷ.

Чӣ фармоиям,[2] чист неруи ман
Ту донӣ ҳунарҳову оҳуи ман?»

Чунин дод посух бад-ӯ шаҳрёр,
Ки «Беш аст аз ин ранҷат аз рӯзгор.

Ҳаме бош бо ковиёнӣ дурафш,
Ту бошӣ сипаҳдори зарринакафш.

Бад-ин сар[3] зи гетӣ Хуросон турост,
Аз ин номдорон тан осон турост.

Навиштанд аҳде бар ин ҳам[4] нишон,[5]
Ба пеши бузургону[6] гарданкашон.[7]

---

1. ИЛМ –б. 3061-3062 нест.
2. ИЛ- фармоядам.
3. И-Бар ин мар.
4. И-он сон.
5. Л-бад-он анҷуман.
6. И-Ки буданд мардони.
7. Л-Ки буданд гурдони лашкаршикан.

www.sattor.com

Ниҳода ба қиртос - бар*[1] муҳри зар,
Яке тавқи заррину зарринкамар.

Бад-ӯ доду кардаш басе офарин,
Ки аз ту мабодо дилам[2] пур зи кин.

ДОДАНИ КАЙХУСРАВ ПОДШОҲӢ БА ЛӮҲРОСП

Зи кори бузургон чу пардахт шуд,
Шаҳаншоҳ аз он пас сӯи тахт шуд.

Аз он меҳтарон номи Лӯҳросп монд,
Ки аз дафтари шоҳ кас барнахонд.

Ба Бежан бифармуд, то бо кулоҳ
Биёвард Лӯҳроспро назди шоҳ.

Чу дидаш ҷаҳондор, бар пой ҷаст,
Бар ӯ офарин карду букшод даст.

Фуруд омад аз номвар тахти оҷ,
Зи сар баргирифт он дилафрӯз тоҷ.

Ба Лӯҳросп биспурду кард офарин
Ҳама подшоҳии Эронзамин,

Ки «Ин тоҷи ту бар ту фархунда бод,
Ҷаҳон сар ба сар пеши ту банда бод!

Супурдам туро[3] тоҷи шоҳиву ганҷ
Аз он пас, ки бурдам[4] басе дарду ранҷ.

Магардон забон з-ин сипас ҷуз ба дод,
Ки аз дод бошӣ ту пирӯзу шод.

Макун девро ошно бо равон,
Чу хоҳӣ, ки бахтат бимонад ҷавон.

1. М-бар аҳд-бар.
2. Л-диле.
3. ИЛ-бе ту.
4. ИЛ-дидам.

www.sattor.com

Хирадманд бошу беозор бош,
Ҳамеша забонро нигаҳдор бош!»

Ба эрониён гуфт, к-«Аз бахти ӯй[1]
Бибошед шодондил аз тахти ӯй.

Шигифт андар ӯ монда эрониён,
Барошуфт ҳар як чу шери жиён.

Ҳаме ҳар касе дар шигифтӣ бимонд,
Ки Лӯҳроспро шоҳ боист хонд.

Аз эрониён[2] Зол бар пой хост,
Бигуфт, он чи будаш ба дил рой рост.

Чунин гуфт, к-«Эй шаҳрёри баланд,
Сазад, гар кунӣ хокро арҷманд.

Сари бахти он кас пур аз хок бод,
Даҳони варо захр тарёк бод,

Ки Лӯҳроспро шоҳ хонад ба дод,
Зи бедод ҳаргиз нагирем ёд.

Ба Эрон чу омад ба назди Зарасп,
Фурӯмояе дидамаш бо як асп.

Ба ҷанги Алонон фиристодияш,
Сипоҳу дурафшу[3] камар додияш.

Нажодаш надонам, надидам ҳунар,
Аз ин гуна нашнидаам тоҷвар.

Зи чандин бузургони хусравнажод
Наёмад касе бар дили шоҳ ёд».

Чу Дастони Сом ин суханҳо бигуфт,
Шуданд анҷуман бо сухангӯй ҷуфт.

1. И-бибошад; Л-бахти ту бошад.
2. И-зи пеши ялон.
3. Л-дирафшу кулоҳу.

www.sattor.com

Хурӯше баромад аз эрониён,
К-аз ин пас набандем, шоҳо, миён.

Наҷӯем кас разм дар корзор
Чу Лӯҳроспро баркашад шаҳрёр.

Чу бишнид Хусрав зи Дастон сухун,
Бад-ӯ гуфт: «Маштобу тундӣ макун,

Ки ҳар кас, ки бедод гӯяд ҳаме,
Ба ҷуз дуди[1] оташ наҷӯяд ҳаме,[2]

Ки напсандад аз мо бадӣ кардгор,
Бупечад бад аз гардиши рӯзгор,

Ки Яздон касеро кунад некбахт,
Сазовори шоҳиву зебои тахт,

Ки дин дораду шарму фарру нажод,
Бувад роду пирӯзу аз дод шод.

Ҷаҳонофарин бар забонам гувост,
Ки гашт ин ҳунарҳо ба Лӯҳросп рост.

Набера ҷаҳондори Ҳушанг ҳаст
Ҳамон роду*[3] бинодилу покдаст.

Зи тухми Пашин асту аз Кайқубод
Диле пур зи дониш, саре пур зи дод.[4]

Паи ҷодувон бугсилонад зи хок,
Падид оварад роҳи Яздони пок.

Замона ҷавон гардад аз панди ӯй,
Бар ин ҳам бувад пок фарзанди ӯй.

---

1. ИЛ-дуд аз.
2. ТПЗ – Бибояд бад-ин кор хушнуд буд,
   Куҷо равшанӣ беҳтар аз тира дуд.
3. М-Хирадманду.
4. ИЛМ –б. 3099 нест.

www.sattor.com

Маро гуфт Яздон бад-ӯ кун ту рӯй,
Накардам ман ин ҷуз ба фармони ӯй.[1]

Ба шоҳӣ бар ӯ офарин густаред,
В-аз ин панди бомеҳри ман магзаред.

Ҳар он кас к-аз андарзи ман даргузашт,
Ҳама ранҷи ӯ пеши ман бод гашт.

Чунин ҳам зи Яздон бувад носипос,
Ба дил-ш андароям зи ҳар сӯ ҳарос».

Чу бишнид Зол ин суханҳои пок,
Биёзиду ангушт барзад ба хок.

Биёлуд лабро ба хоки сиёҳ,
Ба овоз Лӯҳроспро хонд шоҳ.

Ба шоҳи ҷаҳон гуфт: Хуррам бадӣ,
Ҳамеша зи ту дур дасти бадӣ.

Кӣ донист ҷуз шоҳи пирӯзу род,
Ки Лӯҳросп дорад зи шоҳон нажод?[2]

Ки[3] савганд хӯрдам ба хоки сиёҳ,
Лаб олуда шуд, машмар он аз гуноҳ».

Бузургон-ш гавҳар барафшонданд,
Ба шоҳӣ бар ӯ офарин хонданд.

Чу аз кори Лӯҳросп пардохт шоҳ,
Аз он пас нигаҳ кард кори сипоҳ.[4]

Ба эрониён гуфт фархунда шоҳ,
Ки «Фардо шуморо ҳам ин аст роҳ.*[5]

1. ИЛМ –б. 3102 нест.
2. И-б. 3109 нест.
3. ИЛМ – Чу.
4. Л-б. 3112 нест. И-б. 3111 нест.
5. М- Ки падруд бод ин дилафрӯз гоҳ.

www.sattor.com

Чу ман бугзарам з-ин фурӯмоя хок,
Шуморо бихоҳам зи Яздони пок».

Ба падруд кардан рухи ҳар касе
Бибӯсид бо оби мижгон басе.

Ялонро ҳама пок дар бар гирифт,
Ба зорӣ хурӯшидан андаргирифт.

Ҳаме гуфт: «Эй кош, к-ин[1] анҷуман
Тавонистаме бурд бо хештан».

Хурӯше баромад зи эронсипоҳ,
Ки хуршед бар чарх гум кард роҳ.

Паси пардаҳо кӯдаку марду зан
Ба кӯю ба бозору бар анҷуман,

Хурӯшидану нолаву оҳ буд,
Ба ҳар барзане мотами шоҳ буд.

Сарон сар ниҳоданд яксар ба хок,
Ҳама ҷомаҳо карда з-ин дард чок.

Замин сар ба сар ларза андаргирифт.
Бузургон аз ин монда андар шигифт.[2]

Ба эрониён он замон гуфт шоҳ:
«Кунед андар ин панд як-як нигоҳ.

Ҳар он кас, ки дорад фарру нажод,
Ба доди Худованд бошед шод!

Ман акнун равонро ҳаме парварам,
Ки бар некномӣ ҳаме бугзорам.[3]

Набастам дил андар сипанҷӣ сарой,
Бад-он то Суруш омадам раҳнамой».

1. ИЛ-боре ман.
2. ИЛМ- 3118 нест.
3. И-б. 3121, 3122 нест.

www.sattor.com

Бигуфт ину Шабранги беҳзод[1] хост,
В-аз он лашкар овози фарёд хост.

Биёмад ба айвони шоҳӣ дижам,
Ба озодсарв андаровард хам.

ПАДРУД КАРДАНИ КАЙХУСРАВ БА КАНИЗАКОНИ ХУД

Канизак будаш чор чун чун офтоб,
Касе рӯи эшон надида[2] ба хоб.

Зи парда бутонро бари хеш хонд,
Ҳама рози дил пеши эшон биронд,

Ки «Ман рафтаниям зи ҷои сипанҷ,
Шумо дил мадоред бо дарду ранҷ.

Набинед ҷовид аз ин пас маро,
Аз ин хоки бедодгар бас маро.

Сӯи довари пок хоҳам шудан,
Набинам ҳаме роҳи боз омадан.[3]

Бишуд ҳуш аз он чор хуршедчеҳр,
Хурӯшон шуданд аз ғами[4] дарду меҳр.

Шахуданд рӯю биканданд мӯй,
Гусистанд перояи рангу бӯй.

В-аз он пас ҳар он кас, ки омад ба ҳуш,
Чунин гуфт бо нолаву бо хурӯш,

Ки «Моро бубар з-ин сипанҷӣ сарой,
Ту бош андар ин некуӣ раҳнамой».

---
1. Л-в-аз пайкор асп.
2. ИЛ-Надидӣ яке ҷирми ӯро. Надида.
1. М-Ки фардо шуморо ҳамин аст роҳ.
3. Л-б. 3020 нест.
4. ИЛ-ғаму.

www.sattor.com

Бад-эшон чунин гуфт пурмоя шоҳ,
Ки «Биспард хоҳед аз ин гуна роҳ.

Куҷо хоҳарони ҷаҳондор Ҷам,
Куҷо номдорони[1] ободу дам?

Куҷо модарам - духти Афросиёб,
Ки бугзашт аз он сӯи Ҷайҳун бар об?

Куҷо духтари Тур - Моҳофарид,
Ки чун ӯ кас андар замона надид.

Ҳама хок доранд болину хишт,
Надонам ба дӯзах-даранд, аз[2] биҳишт.

Чи афсар ниҳӣ бар сарат-бар, чи тарг,
Бар ӯ бугзарад чангу дандони марг.

Ба некӣ бибояд тан оростан,
Ки некӣ нашояд зи кас хостан.[3]

Маҷӯед аз ин рафтан озори ман,
Ки равшан*[4] шавад роҳи дидори ман».

Хурӯшиду Лӯҳроспро пеш хонд,
В-аз эшон фаровон суханҳо биронд.

Ба Лӯҳросп гуфт «Ин бутони мананд,
Фурӯзандаи бӯстони мананд.

Бад-ин ҳам нишасту бад-ин ҳам сарой
Ҳаме дорашон, то ту бошӣ ба ҷой.

---

1. И-тоҷдорони.
2. И-ё.
3. ТПЗИ – Замин гар кушода кунад рози хеш,
Намояд саранҷому оғози* хеш.
Канораш пур аз тоҷдорон бувад.
Бараш пур зи хуни саворон бувад.
Пур аз марди доно бувад доманаш,
Пур аз хун рухи хоку пероҳанаш.**
* И-Бипоймояд андозаи кори, ** Б, охир дар «т» нест.
4. М-осон.

www.sattor.com

Набояд, ки Яздон чу хонад-т пеш,
Равони ту шарм орад аз кори хеш.

Чу бинӣ маро бо Сиёвуш ба ҳам,
Зи шарми ду хусрав бимонӣ дижам».

Пазируфт Лӯҳросп з-ӯ, ҳарчӣ гуфт,
Ки «Чун дидашон дорам андар нуҳуфт».

В-аз он ҷойгаҳ танг баста миён,
Бигардид бар гирди эрониён,

К-«Аз эдар ба айвон хиромед зуд,
Мадоред бар дил зи мо доғу дуд.

Мабошед густох бо ин ҷаҳон,
Ки ӯ тирагӣ*[1] дорад андар ниҳон.

Мабошед ҷовид ҷуз роду шод,
Зи ман[2] ҷуз ба некӣ магиред ёд.

Ҳама шоду хуррам ба Яздон шавед,[3]
Чу рафтан бувад, шоду хандон шавед.[4]

Ҳама номдорони эронсипоҳ
Ниҳоданд сар бар замин пеши шоҳ,

Ки «Мо панди шаҳро ба кирдори ҷон
Бидорем, то ҷон бувад ҷовидон.

РАФТАНИ КАЙХУСРАВ БА КӮҲ ВА НОПАДИД ШУДАН ДАР БАРФ

Ба Лӯҳросп фармуд, то бозгашт,
Бад-ӯ гуфт: «Рӯзи ман андаргузашт.

1. М-душманӣ.
2. Л-мо.
3. ИЛ-бувед.
4. ИЛ-бувед.

www.sattor.com

Ту шав, тахти шоҳӣ ба оин бидор,
Ба гетӣ ҷуз аз тухми некӣ макор.

Ҳар он гаҳ ки бошӣ таносон зи ранҷ,
Нанозӣ ба тоҷу нанозӣ ба ганҷ.

Чунон дон, ки рӯзи ту торик шуд,
Ба Яздон туро роҳ наздик шуд.[1]

Ҳама дод ҷӯю ҳама дод кун,
Зи гетӣ тани меҳтар озод кун».

Фуруд омад аз асп Лӯҳросп зуд,
Заминро бибӯсиду зорӣ намуд.

Бад-ӯ гуфт Хусрав, ки «Падруд бош,
Ба дод-андарун тору ҳам пуд бош!»

Бирафтанд бо ӯ зи Эрон сарон,
Бузургони бедору кундоварон.

Чу Дастону Рустам, чу Гударзу Гев,[2]
Дигар Бежани гурду Густаҳми нев.

Ба ҳафтум Фарибурзи Ковус буд,
Ба ҳаштум куҷо[3] номвар Тус буд.

Ҳаме рафт лашкар гурӯҳогурӯҳ
Зи ҳомун бишуд то сари теғи кӯҳ.

Бибуданд як ҳафта, дам барзаданд,
Яке бар лаби хушк нам барзаданд.

Хурӯшону ҷӯшон[4] зи кирдори шоҳ,
Касеро набуд сӯи он ранҷ роҳ.

1. Л-б. 3048-3050 нест.
2. И-Геву.
3. И- дигар.
4. И-печон.

www.sattor.com

Ҳаме гуфт ҳар мӯбаде дар нуҳуфт,
К-аз ин сон сухан дар ҷаҳон кас нагуфт.[1]

Чу хуршед бар зад сар аз теғи кӯҳ,
Зи гетӣ биёмад зи ҳар сӯ гурӯҳ.

Зану мард эрониён сад[2] ҳазор,
Хурӯшон бирафтанд бо шаҳрёр.

Ҳаме[3] кӯҳ пурнолаву пурхурӯш,
Ҳаме санги хоро баромад ба ҷӯш.

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки «Шоҳо, чӣ буд,
Ки равшан дилат шуд пур аз доғу дуд?

Гар аз лашкар озор дорӣ ҳаме,
Мар ин тоҷро хор дорӣ ҳаме,

Бигӯю ту аз хоки Эрон марав,
Ҷаҳони куҳанро макун шоҳи нав.

Ҳама хок бошем аспи туро,
Парастанда озаргушаспи туро.[4]

Куҷо шуд туро донишу рою ҳуш,
Ки назди Фаридун наёмад суруш.[5]

Ҳама пеши Яздон ситоиш кунем,
Ба оташкада-дар ниёиш кунем.

Магар покяздон бубахшад ба мо,
Дили мӯбадат бардурахшад ба мо».

Шаҳаншоҳ аз он кор хира бимонд,
В-аз он анҷуман мӯбадонро бихонд.

1. Л-б. 3059 нест.
2. Л-се.
3. ИЛ-ҳама.
4. Л-б. 3181 нест.
5. И-б. 3181 нест.

www.sattor.com

Чунин гуфт, к-«Эдар ҳама некуист,
Бар ин некуиҳо набояд гирист.

Зи Яздон шиносед яксар сипос,
Мабошед ҷуз шоду[1] яздоншинос,

Ки гирд омадан зуд бошад ба ҳам,
Мабошед аз ин рафтани ман дижам.

Бад-он меҳтарон гуфт: «Аз кӯҳсор
Ҳама бозгардед бешаҳрёр,

Ки роҳи дароз асту беобу сахт,
На бошад гиёҳу на барги дарахт.

Ба омадшудан роҳ кӯтаҳ кунед,
Равонро сӯи равшани раҳ кунед.

Бар ин рег- бар нагзарад ҳар касе,
Магар фарраву бурз дорад басе.

Се гурди гаронмоя, гарданфароз,
Шуниданд гуфтору гаштанд боз.

Чу Дастону Рустам, чу Гударзи пир
Ҷаҳонҷӯву бинандаву ёдгир.

Нагаштанд аз ӯ боз чун Тусу Гев,
Ҳамон Бежану ҳам Фарибурзи нев.

Бирафтанд як рӯзу як шаб ба ҳам,
Шуданд аз биёбону хушкӣ дижам.

Ба раҳ-бар яке чашма омад падид,
Ҷаҳонҷӯй Кайхусрав он ҷо расид.

Бари[2] оби равшан фуруд омаданд,
Бихӯрданд чизеву[3] дам барзаданд.

1. И-поку.
2. И-Бад-он.
3. И-якбора.

www.sattor.com

Бад-он марзбонон[1] чунин гуфт шоҳ,
Ки «Имшаб наронем аз ин ҷойгоҳ.

Бигӯем кори гузашта басе,
К-аз ин пас маро худ набинад касе.

Чу хуршеди тобон барорад дурафш,
Чу зароб гардад замини бунафш.

Маро рӯзгори ҷудоӣ бувад,
Магар бо суруш ошноӣ бувад.

Аз ин роҳ агар бозгардад дилам,
Дили тирагашта зи тан бугсилам».

Чу баҳре зи тира шаб-андар чамид,
Каи номвар пеши Яздон хамид.

Ба он оби равшан[2] сару тан бишуст,
Ҳаме хонд андар ниҳон*[3] Занду Уст.

Чунин гуфт бо номвар бихрадон,
Ки «Бошед падруд то ҷовидон.

Кунун чун барорад сипеҳр[4] офтоб,
Набинед аз ин пас маро ҷуз ба хоб.

Шумо низ фардо бар ин реги хушк
Мабошед, агар борад аз абр мушк.

Зи кӯҳ андарояд яке боди сахт,
К-аз ӯ бугсилад шоху барги дарахт.

Биборад яке барф з-абри сиёҳ,
Шумо сӯи Эрон наёбед роҳ».

1. Л-Ба эрониён пас.
2. Л-об андаромад.
3. М-бар хештан.
4. ИЛ- сипон.

www.sattor.com

ҒАРҚ ШУДАНИ ПАҲЛАВОНОН ДАР МИЁНИ БАРФ

Сари меҳтарон з-он сухан шуд гарон,
Бихуфтанд бо дард кундоварон.

Чу аз кӯҳ хуршед сар баркашид
Зи чашми меҳон шоҳ шуд нопадид.

Бигаштанд аз он ҷойгаҳ шоҳҷӯй,
Ба регу биёбон ниҳоданд рӯй.

Зи Хусрав надиданд ҷое нишон,
Зи раҳ боз гаштанд чун беҳушон.

Ҳама тангдил гаштаву тофта,
Сипарда замин, шоҳ ноёфта.

Хурӯшон бар он чашма боз омаданд,
Пур аз ғам дилу бо гудоз[1] омаданд.

Ҳаме дод шоҳи ҷаҳонро дуруд,
Бари[2] об ҳар кас, ки омад фуруд.

Фарибурз гуфт, он чи Хусрав бигуфт,
Ки бо ҷони покаш хирад бод ҷуфт,

Ялон пеши ӯ посух оростанд,
Ба гуфтори ӯ дил напеоростанд.[3]

Замин гарму нарм асту равшан ҳаво,
Бар ин мондагӣ нест рафтан раво.[4]

Чу осуда гардему чизе х(в)арем,
Бихуспем бар чашма, пас бугзарем.

Бари чашма яксар фуруд омаданд,
Зи Хусрав ҳаме достонҳо заданд,

1. ИЛ-пургудоз.
2. И-Бад-он.
3. И-б. 3219 нест.
4. Л-б. 3219-3220 нест.

www.sattor.com

Ки чунин шигифтӣ набинад касе
В-агар дар замона бимонад басе.

Чунин рафтани шоҳ кай дидаем,
Зи гарданкашон низ нашнидаем.

Дареғ он баланд ахтару рои ӯй,
Бузургиву дидору болои ӯй.[1]

Хирадманд аз ин кор хандон шавад,
Ки зинда касе пеши Яздон шавад?![2]

Кӣ донад зи гетӣ, ки ӯро чӣ буд,
Чӣ гӯям, ки гӯш он наёрад шунуд.

Бад-он номдорон чунин гуфт Гев,
Ки «Ҳаргиз чун ӯ нашнавад гӯши нев.

Ба мардиву бахшиш, ба доду ҳунар,
Ба болову дидору ному гуҳар.[3]

Ба разм-андарун пил буд бо сипоҳ,
Ба базм-андарун моҳ буд бо кулоҳ».

В-аз он пас бихӯрданд чизе ки буд,
Зи хӯрдан сӯи хоб рафтанд зуд.

Ҳамон гаҳ баромад яке боду абр,
Ҳаво гашт бар сони чарми ҳижабр.

Чу барф аз замин бодбон баркашид,
Набуд найзаи номдорон падид.[4]

1. ТПЗ – Дареғ он шаҳаншоҳи вологуҳар,
Ба мардӣ зи шоҳон бароварда сар.
2. И-б. 3111 нест.
3. Л-б. 3114 нест.
4. ТПЗЛМ – Баромад яке тунд барфи гарон,
Замин рост шуд аз карон то карон.
Бибуданд бечора гурдони нев
Чу Тусу чу Бежан, Фарибурзу Гев.

www.sattor.com

Якояк ба барф-андарун монданд,
Надонам бад-он ҷой чун монданд.

Замоне тапиданд дар зери барф,
Яке чоҳ шуд канда ҳар ҷои жарф.

Намонд эч касро аз эшон тавон,
Баромад ба фарҷом ширин равон.

В-аз ин рӯй Рустам бар он кӯҳсор
Ҳаме буд бо Золу чандин*[1] савор.

Бар он кӯҳ буданд гирён се рӯз,
Чаҳорум чу бифрӯхт гетифурӯз,

Бигуфтанд, к-ин кор шуд бодиранг,
Чунин чанд бошем бар кӯҳу санг.

Агар шоҳ гашт аз ҷаҳон нопадид,
Чу боди ҳаво аз миён бардамид.

Дигар номдорон куҷо рафтаанд,
Магар панди Хусрав напазруфтаанд.

Бибурданд як ҳафта бар бурзи кӯҳ,
Сари ҳафта гаштанд яксар сутӯҳ.

Бар эшон[2] ҳама зору гирён шуданд,
Ки бар оташи тез[3] бирён шуданд.

Ҳаме канд Гударзи Кашвод мӯй,
Ҳаме рехт обу ҳаме хаст рӯй.

Ҳаме гуфт, ҳаргиз кас ин бад надид,
Ки аз тухми Ковус бар ман расид.

Набера, писар доштам лашкаре
Ҷаҳондору бар ҳар саре афсаре.

1. М-Ҳамон Золу Гударзу чанде.
2. Л-Бад-он ғам.
3. Л-Бад-он оташи дард.

www.sattor.com

Ба кини Сиёвуш ҳама кушта шуд,
Ҳама дударо рӯз баргашта шуд.*[1]

Кунун дигар аз чашм шуд нопадид,
Кӣ дид ин шигифтӣ, ки бар ман расид?

Суханҳои дерина Дастон бигуфт,
Ки бо доди Яздон хирад бод ҷуфт.

Магар бозгардандy ёбанд роҳ,
Чу аз барф пайдо шавад шоҳроҳ.

Нашояд бар ин кӯҳсар-бар будан,
Хуриш нест, аз эдар бибояд шудан.

Пиёда фиристем чанде ба роҳ,
Биёбанд рӯзе нишони сипоҳ.

Бирафтанд аз он кӯҳ гирён, бадард,
Ҳаме ҳар касе аз касе ёд кард.

Зи хешону фарзанду аз дӯстон,
В-аз он шоҳ чун сарв дар бӯстон.[2]

Ҷаҳонро чунин аст оину дин,
Намондаст ҳамвора бар беҳгузин.

Якеро зи хоки сияҳ баркашад,
Якеро зи тахти каён даркашад.

На з-ин шод бошад, на з-он дардманд,
Чунин аст расми сипеҳри баланд.

Куҷо он ялону каёни ҷаҳон,
Аз андеша дил дур кун, то тавон.

---

1. М-б. 3248 нест.
2. ТПМ – Пиёда бирафтанду дидандашон,
Аз он ҷойгаҳ баркашидандашон,
Бад-он ҳол бурдандашон боз шаҳр,
Аз он меҳтароншон чунин буд баҳр.
Аз он ҳар яке дахмае сохтанд,
Пас аз сӯги эшон бипардохтанд.

www.sattor.com

ОГОҲӢ ЁФТАНИ ЛӮҲРОСП АЗ НОПАДИД ШУДАНИ КАЙХУСРАВ

Чу Лӯҳросп огаҳ шуд аз кори шоҳ
Зи лашкар, ки буданд бо ӯ ба роҳ.

Нишаст аз бари тахт бо тоҷи зар,
Бирафтанд гурдони зарринкамар.

Нишастанд ҳар кас, ки пурмоя буд,
В-аз он номдорон гаронсоя буд.

Нигаҳ кард Лӯҳросп, бар пой хост,
Ба хубӣ биёрост гуфтори рост.

Ба овоз гуфт: «Эй сарони сипоҳ,
Шунида ҳама панду андарзи шоҳ.

Ҳар он кас, ки аз тахти ман нест шод,
Надорад ҳаме панди Хусрав ба ёд.

Ба мо[1] ҳар чи фармуду гуфт, он кунам,
Бикӯшам ба некиву фармон кунам.

Шумо низ аз андарзи ӯ даст боз
Мадореду аз ман мапӯшед роз.

Гунаҳгор бошад ба Яздон касе,
Ки андарзи шоҳон нахонад басе.

Баду нек аз ин ҳарчи доред ёд,
Саросар ба ман-бар[2] бибояд кушод».

Чунин дод посух варо пури Сом,
Ки «Хусрав туро шоҳ бурдаст ном.

Пазируфтаам панду андарзи ӯй,
Наёбад гузар пой аз марзи ӯй.

---

1. ИЛМ –маро.
2. И-саранҷом бар ман.

www.sattor.com

Ту шоҳиву мо яксара меҳтарем,
Зи рою зи фармони ту нагзарем.

Ману Рустами зобулӣ ҳар кӣ ҳаст,
Зи меҳри ту ҳаргиз нашӯем даст.

Ҳар он кас, ки ӯ ҷуз бар ин раҳ бувад,
Зи некӣ варо даст кӯтаҳ бувад».

Чу Лӯҳросп гуфтори Дастон шунид,
Бар ӯ офарин карду дар бар кашид.

Чунин гуфт, к-аз дод в-аз ростӣ
Мабодо шуморо каму костӣ,

Ки Яздон шуморо бад-он офарид,
Ки ранҷу бадиҳо шавад нопадид.

Ҷаҳондори некахтари некрӯз[1]
Шуморо супурд он замон Нимрӯз.

Кунун подшоҳӣ ҷуз он ҳам чӣ ҳаст,
Бигиред чандон, ки бояд ба даст.

Маро бо шумо ганҷ бахшида нест,
Тану дудаву подшоҳӣ якест».

Ба Гударз гуфт: «Он чи дорӣ ниҳон,
Бигӯ аз дил, эй паҳлавони ҷаҳон».

Бад-ӯ гуфт Гударз: «Ман як танам,
Ки бе Геву Баҳрому бе Бежанам».

Чу аз дарди он дуда омад ба ҷӯш,
Чунин гуфт бо нолаву бо хурӯш:

«Дареғо, гаво, геви рӯинтано,
Ҷаҳондору*[2] шамшерзан Бежано!»[3]

1. ИЛ- шодрӯз.
2. М- Ҷаҳонҷӯю.
3. ТПЗ – Дареғ он ҳама пок фарзанди ман,
Дареғ он ҳама хуб дилбанди ман.

www.sattor.com

Бигуфт ину ҷома зи сар то ба пой
Бидаррид чиниву румӣ қабой.

Ба озодагон пир Гударз гуфт,
Ки «Фаррух касе к-аш бувад хок ҷуфт.[1]

Бар онам саросар,[2] ки Дастон бигуфт,
Аз ӯ ман надорам сухан дар нуҳуфт.[3]

Туӣ шоҳу мо сар ба сар кеҳтарем,
Зи паймону фармони ту нагзарем».

Ҳама меҳтарон хонданд офарин,
Ба фармон ниҳоданд сар бар замин.

Зи гуфтори эшон дилаш тоза гашт,
Биболиду бар дигар андоза гашт.[4]

Гузидаш яке рӯзи фархундатар,
Ки то барниҳад тоҷи шоҳӣ ба сар.

Чунон чун Фаридуни фаррухнажод
Маҳи меҳргон тоҷ бар сар ниҳод.

Бад-он меҳрмоҳи гузин рӯзи меҳр,
Ки зӣ ростӣ рафт меҳри сипеҳр,

Биёрост айвони кайхусравӣ,
Барафрӯхт Эрон бад-ӯ аз навӣ.

Чунин аст гетӣ фарозу нишеб,
Яке шодмон, дигаре бо ниҳеб.

---

1. Л-3283-3285 нест.
2. И- Ки ман ҳам бар онам.
3. Л-пас аз б. 3286 ин б. омада:
   Чунон ҳам, ки бо шоҳ гуфтам нахуст,
   Бад-ин моя нашкаст аҳди дуруст.
4. ТПЗ – Чу андозаи кори худро шинохт,
   Яке тоҷи заррини навро бисохт;
   И – пас б. 3289 ин б. омада;
   Гаронмоя Лӯҳросп ором ёфт,
   Хирадмоя доно бад-он ром ёфт.

www.sattor.com

Аз ӯ шодмонӣ в-аз ӯ дардманд,
Бибояд гусист аз чиву чуну чанд.

Аз ин кори Хусрав чу берун шудем,
Сӯи кори[1] Лӯҳросп боз омадем.[2]

Кунун тоҷу авранги Лӯҳроспшоҳ
Биёрояму барнишонам ба гоҳ.

Ба пирӯзии шаҳрёри баланд,
К-аз ӯяст уммеду бими газанд.

Ба некӣ расонад дили дӯстон,
Газанд ояд аз вай ба норостон.[3]

Ҷаҳонро чунин аст оину сон,
Бигардад ҳамин[4] з-он бадин, з-ин бад-он.

Дили зангхӯрда зи талхӣ сухан
Бубаррад аз ӯ занг бода куҳан.

Чу пирӣ дарояд зи ногаҳ ба мард,
Ҷавонаш кунад бодаи сол(х)вард.

Ба бода-дарун гавҳар ояд падид,
Ки фарзонагавҳар бувад ё палид.

Чу баддил*[5] хӯрад мард, гардад далер,
Чу рӯбаҳ хӯрад, гардад ӯ тундшер.

Або он ки гавҳар ту орӣ падид,
Дари бастаро худ ту бошӣ калид.[6]

---

1. Л-гоҳи.
2. И-б. 3290-3296 нест.
3. ТПЗ – Бад ин пир бодо дилаш меҳрбон,
Ки бар офариниш кушояд забон.
4. Л-ҳаме.
1. М-Дили бастаро бода бошад калид.
5. М-бедил.
6. Л-б. 3302-3305 нест; И-б. 3298-3305 нест:
ТПЗМ- Чу ғамгин хӯрад, шодмона шавад,
Ба рухсор чун нордона шавад.

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ ЛӮҲРОСП
САДУ БИСТ СОЛ БУД

ОТАШКАДА СОХТАНИ ЛӮҲРОСП БА БАЛХ

Чу Лӯҳросп биншаст бар тахти оҷ,*[1]
Ба сар барниҳод он дилафрӯз тоҷ,[2]*[3]

Ҷаҳонофаринро ситоиш гирифт,
Ниёиш варо дар физоиш гирифт.

Чунин гуфт, к-аз довари додпок
Пуруммед бошеду ботарсу бок.

Нигорандаи чархи гарданда ӯст,
Физояндаи фарраи банда ӯст.

Чу дарёву кӯҳу замин офарид,
Баланд осмон аз бараш баркашид.

Яке тез гардону дигар ба ҷой,
Ба ҷунбиш надодаш нигоранда пой.

Чу чавгон фалак, мо чу гӯ дар миён,
Ба ранҷем аз дасти суду зиён.*[4]

Ту шодондилу марг чанголтез
Нишаста чу шери жиён пурситез.

Зи озу фузунӣ ба як сӯ шавем,
Ба нодонии хеш хасту шавем.

Ҳар он кас, ки гирад мар ӯро ба чанг,
Нахоҳад ҷуз аз ромишу ною чанг.
Зи ман достон хоҳӣ аз достон,
Зи гуфтору кирдори он ростон.
Кунун бишнав аз марди деҳқони пир,
Суханҳо ҳама як ба як ёд гир.

1. М – дод.
2. Л – Чунон чун Фаридуни фаррухнажод
Бар ин меҳргон тоҷ бар сар ниҳод.
3. М – Ба шоҳаншаҳӣ тоҷ бар сар ниҳод.
4. М – б. 7 нест.

www.sattor.com

Аз ин тоҷи шоҳиву тахти баланд
Наҷӯям ҷуз аз доду орому панд.

Магар баҳрамон з-ин сарои сипанҷ
Наёяд ҳаме кину нафрину ранҷ.[1]

Ман аз панди Кайхусрав афзун кунам,
Зи дил кинаву оз*[2] берун кунам.

Бисозед в-аз дод бошед шод,
Таносону аз кин магиред ёд.

Меҳони ҷаҳон офарин хонданд,
Варо шаҳрёри замин хонданд.

Гаронмоя Лӯҳросп ором ёфт,
Хирад мояву ком пидром ёфт.

В-аз он пас фиристод касҳо ба Рум,
Ба Ҳинду ба Чину ба обод бум.

Зи ҳар марз ҳар[3] кас, ки доно буданд,
Ба ҳар кори некӯ тавоно буданд,

Зи ҳар кишваре баргирифтанд роҳ,
Расиданд яксар ба даргоҳи*[4] шоҳ.

Бибуданд бекор чанде ба Балх,
Зи дониш чашиданд ҳар шӯру талх.

Яке шорсоне баровард шоҳ
Пур аз барзану кӯю бозоргоҳ.

Ба ҳар барзане ҷои ҷашни сада,
Ҳама гирд бар гирд[5] оташкада.

---

1. Л – Магар баҳрае з-ин сипанҷи сарой
Набояд магар дониш (у) пок рой.
2. М – рашк.
3. ИЛМ – ба паймон-ш андар.
4. М- Бирафтанд пӯён ба наздики.
5. ЛМ –Ҳаме кард бар гирдаш.

www.sattor.com

Яке озаре сохт, Барзин ба ном,
Ки буд бо бузургиву бо фарру ком.[1]

РАФТАНИ ГУШТОСП АЗ ПЕШИ ЛӮҲРОСП БА ХАШМ

Ду фарзанд будаш ба сони ду моҳ
Сазовори шоҳиву тахту кулоҳ.

Яке ном Гуштосп, дигар Зарир,
Ки[2] зер овоаридӣ сари наррашер.[3]

Гузашта ба ҳар донише аз падар,
Зи лашкар ба мардӣ баровoарда сар.

Ду шоҳи сарафрозу ду некпай
Набера ҷаҳондори Ковуси Кай.

Бад-эшон будӣ ҷони Лӯҳросп шод
В-аз эшон накардӣ зи Гуштосп ёд.

Аз он кор Гуштосп ношод буд,
Ки Луҳроспро сар пур аз бод буд.[4]

Чунин то баромад бар ин рӯзгор,
Пур аз дард Гуштосп аз шаҳрёр.

Чунон буд, ки дар Порс як рӯз тахт
Ниҳоданд зери гулафшон дарахт.

Бифармуд Лӯҳросп, то меҳтарон
Бирафтанд чанде зи лашкар сарон.

Ба хон-бар яке ҷоми май хостанд,
Дили шоҳи гетӣ биёростанд.[5]

1. Л –б. 22 нест.
2. Л – Ба.
3. И – б. 24, 25 нест.
4. Л –байти 28 нест.
5. И – б. 32 нест.

www.sattor.com

Чу Гуштосп май хӯрд, бар пой хост,
Чунин гуфт, к-«Эй шоҳи бододу рост,

Ба шоҳӣ нишасти ту фархунда бод,
Ҳамон ҷовидон номи ту зинда бод.

Туро дод Яздон кулоҳу камар,
Дигар тоҷи Кайхусрави додгар.

Кунун ман яке бандаам бар дарат,
Парастандаи афсару ахтарат.

Надорам касеро зи мардон ба мард,
Ки пеши ман ояд ба рӯзи набард.

Магар Рустами Золи Соми савор,
Ки бо ӯ насозад касе корзор.

Чу Хусрав зи гетӣ пурандеша гашт,
Туро дод тоҷу худ андаргузашт.

Гар эдун, ки ҳастам зи озодагон,
Маро ном кун тоҷу тахти*[1] каён.

Чунин ҳам бувад пеши ту бандавор,
Ҳаме бошаму хонамат шаҳрёр».

Ба Гуштосп гуфт: «Эй писар, гӯш дор,
Ки тундӣ на хуб ояд аз номдор.

Чу андарзи Кайхусрав орам ба ёд,
Ту бишнав, магар сар напечӣ зи дод.

Маро гуфт он додгар шаҳрёр,
Ки гар ҷӯ бувад пеши*[2] боғи баҳор,

Агар*[3] об ёбад, банерӯ шавад,
Ҳама боғ аз ӯ пур зи оҳу шавад.

1. М- Мон бар тахту тоҷи.
2. М – Яке ҷӯй бошад ба.
3. М – ки чун.

www.sattor.com

Ҷавонӣ ҳанӯз, ин баландӣ маҷӯй,
Суханро бисанҷу ба андоза гӯй».

Чу Гуштосп бишнид, дил пур зи дард
Биёмад зи пеши падар рӯйзард.

Ҳаме гуфт: «Бегонагонро навоз,
Чунин бошу бо зода ҳаргиз масоз»

Зи лашкар варо буд сесад савор,
Ҳама гурду шоистаи корзор.

Фуруд омаду кеҳтаронро бихонд,
Ҳама рози дил[1] пеши эшон биронд,

Ки имшаб ҳама сози рафтан кунед,
Дилу дида з-ин боргаҳ барканед.

Яке гуфт аз эшон, ки «Роҳат куҷост,
Чу бардорӣ, оромгоҳат куҷост?»

Чунин дод посух, ки «Дар Ҳиндувон
Маро шоҳ дорад ба*[2] равшанравон.

Яке нома дорам ман аз шоҳи Ҳинд,
Навишта зи мушки сияҳ бар паринд,

Ки гар зӣ ман ойӣ, яке кеҳтарам,
Зи фармону паймони ту нагзарам».[3]

Чу шаб тира шуд, бо сипаҳ барнишаст,
Ҳаме рафт ҷӯшону гурзе ба даст.

Ба шабгир Лӯҳросп огоҳ шуд,
Ғамӣ гашту шодиш кӯтоҳ шуд.

1. И розҳо.
2. М – шод доранду.
3. Л –б. 54, 55 нест.

www.sattor.com

Зи лашкар ҷаҳондидагонро бихонд,
Ҳама гуфтанӣ[1] пеши эшон биронд.

«Бубинед, - гуфт, - ин ки Гуштосп кард,
Дилам кард пурдарду сар пур зи гард.

Бипарвардамаш, то баровард ёл,
Шуд андар ҷаҳон сар ба сар*[2] беҳамол.

Бад-он гаҳ ки гуфтам, ки омад ба бор,
Зи боғи ман овора шуд мевадор».

Бигуфту пурандеша биншаст дер,
Бифармуд, то пеши ӯ шуд Зарир.

Бад-ӯ гуфт: «Бугзин зи лашкар ҳазор
Саворони гурд аз дари корзор.

Бирав тез бар сӯи Ҳиндустон,
Мабодо бару буми ҷодуситон.»

Сӯи Рум Густаҳми Нӯзар бирафт,
Сӯи Чин Гуроза гурозид тафт.

БОЗОМАДАНИ ГУШТОСП БО ЗАРИР

Ҷаҳонҷӯй Гуштосп пуроб чашм
Ҳаме ронд пеш – андарун пур зи*[3] хашм.

Ҳаме тохт*[4], то пеши Кобул расид,
Дарахту гулу сабзаву об дид.

Бад-он ҷои хуррам фуруд омаданд,
Бибуданд як рӯзу дам барзаданд.

Ҳама кӯҳсорон-ш нахчир буд,
Ба ҷӯй обҳо чун маю шир буд.

1. ИМ -Ҳаме буданӣ.
2. М – номвар.
3. М – Диле пур зи кину пур аз тобу.
4. М – Ҳаме рафт.

www.sattor.com

Шаби тира май хост аз майгусор,
Бибурданд шамъ аз дари[*1] ҷӯйбор.

Чу бифрӯхт аз кӯҳ гетифурӯз,
Бирафтанд аз он беша бо бозу юз.

Ҳаме тохт тез аз паси ӯ Зарир,
Ба ҷое замоне наёсуд[2] дер.[*3]

Чу овози аспон баромад зи роҳ,
Бирафтанд гурдон зи нахчиргоҳ.

Чу бинҳод Гуштосп гӯш андар он,
Чунин гуфт бо номвар меҳтарон,

Ки «Ин ҷуз ба овози аспи Зарир
Намонад, ки ӯ дорад овои шер.

Ба танҳо наёмад,[*4] гар ӯ омадаст,
Ки бо лашкари ҷангҷӯ омадаст».

Ҳанӯз андарин буд, ки гарде бунафш
Падид омаду пилпайкар дурафш.

Зарири сипаҳбад ба пеши сипоҳ
Чу боди дамон андаромад зи роҳ.

Чу Гуштоспро дид, гирён бирафт,
Пиёда бад-ӯ рӯй бинҳод тафт.

Ҷаҳонофаринро ситоиш гирифт,
Ба пеши бародар ниёиш гирифт.

---

1. М – бари.
2. Л – Замоне наёсуд як ҷой.
*4 М – танҳо.
3. М – Пас аз б. 71 ин б. омада:
   Яла карда аспон диловар савор,
   Басе хуфтагон бар лаби ҷуйбор.
4. М –баромад.

www.sattor.com

Гирифтанд мар якдигарро канор,
Бирафтанд гирён*[1] дар он марғзор.

Зи лашкар ҳар он кас, ки буд пешрав,
Варо хондӣ шоҳ Гуштосп гав.

Бихонданду наздик биншонданд,
Зи ҳар ҷойгоҳе сухан ронданд.

Чунин гуфт аз эшон яке номвар
Ба Гуштосп, к-«Эй гурди зарринкамар,

Ситорашиносон аз эронгурӯҳ
Ҳар он кас, ки дидем*[2] донишпижӯҳ,

Ба ахтар-т гӯянд Кайхусравӣ,
Ба шоҳӣ бар он пойгаҳ*[3] бар шавӣ.

Кунун кеҳтари шоҳи Ҳиндустон
Бибошӣ, набошем ҳамдостон.

Аз эшон касе нест яздонпараст,
Яке ҳам надоранд бо шоҳ даст.

Нигар, то писанд ояд андар хирад
Куҷо ройро шоҳ фармон барад?

Туро аз падар сар ба сар некуист,
Надонам, ки озурдан аз баҳри чист?»[4]

Бад-ӯ гуфт Гуштосп, к-«Эй номҷӯй,
Надорем назди падар обрӯй.

Ба ковусиён дорад*[5] ӯ некувӣ
Бузургиву ҳам афсари хусравӣ.

---

1. М – нишастанд шодон.
2. М – донем.
3. М – ба тахти меҳӣ.
4. ТПЗ – Чу бишнид Гуштосп, бигрист зор,
Биборид аз дида хун бар канор.
5. М – хоҳад.

www.sattor.com

Марову туро назди ӯ ҷой нест,
Беҳ аз бандагӣ карданаш рой нест.

Зи баҳри ту ман боз гардам кунун,
Зи Лӯҳросп дорам дили пур зи хун.

Агар тоҷи Эрон супорад ба ман,
Парастиш кунам чун бутонро шаман.

В-агарна набошам ба даргоҳи ӯй,
Нагардад дилам равшан аз моҳи ӯй.[1]

Ба ҷое шавам, к-ам наёбанд низ,
Ба Лӯҳросп монам ҳама марзу чиз».

Бигуфт ину баргашт аз он марғзор,
Биёмад бари номвар шаҳрёр.

Чу бишнид Лӯҳросп бо меҳтарон,
Пазира шудаш бо сипоҳи гарон.

Ҷаҳонҷӯй рӯи падар дид боз,
Фуруд омад[2] аз аспу бурдаш намоз.

Варо танг Лӯҳросп дар бар гирифт,
Бад-он пӯзиш осоиш андаргирифт,

Ки тоҷи ту тоҷи сари моҳ бод,
Зи ту девро даст кӯтоҳ бод!

Ки ҳазмон биёмӯзадат роҳи бад
Чу дастури бад дар бари шоҳи бад.

Зи шоҳӣ маро номи тоҷ асту тахт,
Туро мӯҳру паймону фармону бахт.

Варо гуфт Гуштосп, к-«Эй шаҳрёр,
Манам бар дарат чун яке пешкор.

1. Л –б. 96 нест.
2. И –Пиёда –шуд.

www.sattor.com

Агар кам кунӣ ҷоҳ, фармон[1] кунам,
Ба паймони ту дил*[2] гаравгон кунам».[3]

Бузургон, ки буданд бо ӯ ба роҳ,
Бирафтанд шодон ба айвони шоҳ.

Биёрост айвони гавҳарнигор,
Ниҳоданд хону маи хушгувор.

Яке ҷашн карданд, к-аз чарх моҳ
Ситора биборид бар пешгоҳ.

Чунон шуд зи мастӣ, ки ҳар меҳтаре
Ниҳоданд аз гул ба сар афсаре.[4]

Ба ковусиён буд Лӯҳросп шод,
Ҳамеша зи Кайхусраваш буд ёд.

Ҳаме рехт аз дард Гуштосп хун,
Ҳаме гуфт ҳар гуна бо раҳнамун.

Бад-ӯ гуфт: «Ҳарчанд кӯшам ба рой,
Наёрам ҳаме чораи ин ба ҷой.

Агар бо саворон шавам, меҳтаре
Фиристад падар низ бо лашкаре.

Ба чора зи раҳ бозгардонадам,
Басе хоҳишу пандҳо ронадам.

Чу танҳо равам, нанг дорам ҳаме
Зи Лӯҳросп дил танг дорам ҳаме.

1. И –Ба ҳарч-ам ту фармондиҳӣ он.
2. М – паймон равонро.
3. И –пас аз б. 106 ин б. омада:
Ту шоҳиву парвардгори манӣ,
Бидонам, ки ҳам дӯстдори манӣ.
Валекин чу барно наҷӯяд хунар,
Бар ӯ-бар нахандад нажоду гуҳар.
4. ТПЗИЛ – Бирафтанду бугзашт чанде бар ин,
Надид он ҷавон аз падар офарин.

www.sattor.com

Дили ӯ ба ковусиён аст шод,
Наёбад гузар меҳри ӯ бар нажод.

Чу танҳо*[1] равам, чун кунад хостор,
Чӣ донад, ки ман чун шудам шаҳрёр.

РАФТАНИ ГУШТОСП БА СӮИ РУМ

Шаби тира шабдези лӯҳроспӣ
Биёварду бо зини гуштоспӣ.

Бипӯшид зарбафту чиниқабой
Зи тоҷ андаромехт парри ҳумой.

Зи динор в-аз гавҳари шоҳвор
Биёвард чандон, ки ояд*[2] ба кор.

Аз Эрон сӯи Рум бинҳод рӯй,
Падар гоҳҷӯву писар роҳҷӯй.

Падар чун зи Гуштосп огоҳ шуд,
Бупечиду шодиш кӯтоҳ шуд.

Зариру ҳама бихрадонро бихонд,*[3]
Зи Гуштосп чанде суханҳо биронд.

Бад-эшон чунин гуфт, к-«Ин шермард
Сари тоҷдорон дарорад ба гард.

Чӣ бинеду инро чӣ дармон кунед,
Нашояд, ки ин бар дил осон кунед».

Чунин гуфт мӯбад, ки «Эй некбахт,
Гиромӣ ба мардон бувад тоҷу тахт!

Чу Гуштосп фарзанд касро набуд,
На ҳаргиз кас аз номдорон шунуд.[4]

---

1. М – Як тан.
2. М – К-аш омад.
3. М – Ҳама бихрандонро бари хеш.
4. ТПЗМ – Туро подшоҳӣ аз ӯ шуд фузун,
Зи бимаш ҳама душманон сарнагун.

www.sattor.com

Зи ҳар сӯ бибояд фиристод кас
Диловар бузургони фарёдрас.

Гар ӯ боз гардад, ту зуфтӣ макун,
Ҳунар ҷӯву бо оз *[1] ҷуфтӣ макун,

Ки тоҷи каён чун набинад басе,
Намонад ҳамон меҳри ӯ бар касе,

Ба Гуштосп деҳ з-ин ҷаҳон лашкаре,
Бинеҳ бар сараш номдор афсаре.

Ҷуз аз паҳлавон Рустами номдор
Ба гетӣ набинем чун ӯ савор.

Ба болову фарҳангу дидору ҳуш
Чун ӯ номвар низ нашнид гӯш».

Фиристод Лӯҳросп чанде меҳон,
Биҷустан гирифташ ба гирди ҷаҳон.

Бирафтанду навмед бозомаданд,
Ки бо ахтари дерсоз омаданд.

Накӯҳиш бад-он бахши Лӯҳросп буд,
Ғаму ранҷи тан баҳри Гуштосп буд.

РАСИДАНИ ГУШТОСП БА РУМ

Чу Гуштосп наздики дарё расид,
Пиёда бишуд, божхоҳаш бидид.

Яке пирсар буд Ҳайшуй ном,
Ҷавонмарди бедору бофарру ком.

Бар ӯ офарин кард Гуштоспу гуфт,
Ки «Бо ҷони покат хирад бод ҷуфт!

Аз Эрон яке номдорам дабир,
Хирадманду равшандилу ёдгир.

1. М – Чарх.

www.sattor.com

Ба киштӣ ба ин об агар бугзарам,
Сипосе ниҳӣ ҷовидон бар сарам.»

Бад-ӯ гуфт: шоистаӣ тоҷро,
Дигар ҷавшану хӯду тороҷро.

Кунун*[1] роз букшову бо ман бигӯй,
Аз ин сон ба дарё гузаштан маҷӯй.

Маро ҳадя бояд, дигар гуфт рост
Туро рою рӯи дабирӣ куҷост.

Зи Ҳайшуй бишнид Гуштосп, гуфт,
Ки «Аз ту маро нест чизе нуҳуфт.

Зи ман ҳарчи хоҳӣ, надорам дареғ
Аз ин афсару аспу динору теғ».

Зи динор лахте ба Ҳайшуй дод,
Аз он ҳадя шуд марди гиранда[2] шод.

Зи киштӣ сабук бодбон баркашид,
Ҷаҳонҷӯйро сӯи хушкӣ[3] кашид.

Яке шорсон буд ба Рум-андарун,
Се фарсанг болои шаҳраш фузун.

Баровардаи Салм, ҷои бузург,
Нишастангаҳи қайсарони сутург.

Чу Гуштосп омад бар он шорсон,
Ҳаме ҷуст ҷое дар он корсон.[4]

Ҳаме гашт як ҳафта дар гирди Рум,
Ҳаме кор ҷуст андар обод бум.

1. М – Яке.
2. Л – покиза.
3. Ил – Қайсар.
4. Л – бедор кори ҷаҳон.

www.sattor.com

Чу чизе ки будаш, бихӯрду бидод,
Ҳаме рафт ношоду лаб пур зи бод.

Чу дар шаҳри обод чанде бигашт,
Аз айвон ба девони Қайсар гузашт.

Ба усқуф чунин гуфт, к-«Эй дастгир,
Зи Эрон яке номҷӯям дабир.

Бар ин кор бошам туро ёрманд,
Зи девон кунам, ҳар чӣ ояд писанд».

Дабирон, ки буданд дар боргоҳ,
Ҳаме кард ҳар як ба дигар нигоҳ,

К-аз ин килк пӯлод гирён шавад,
Ҳамон рӯи қиртос бирён шавад.

Яке бора бояд ба зераш баланд,
Ба бозу камону ба зин-бар каманд.

Ба овоз гуфтанд: «Моро дабир
Набояд, зи эдар раҳи хеш гир».

Чу бишнид Гуштосп дил пур зи дард,
Зи девон биёмад ду рухсора зард.

Яке[1] боди сард аз ҷигар баркашид,
Ба сӯи галадори Қайсар кашид.[2]*[3]

Ҷавонмардро ном Настор буд,
Далеру хирадманду ҳушёр буд.

Ба наздики Настор чун шуд фароз,
Бар ӯ офарин карду бурдаш намоз.

Нигаҳ кард чӯпону бинвохташ,
Ба наздикии хеш биншохташ.

---

1. ИЛ – басе.
2. Л –расид.
3. М – Ба наздики чӯпони Қайсар давид.

www.sattor.com

«Чӣ мардӣ, - бад-ӯ гуфт, - бо ман бигӯй,
Ки ҳам шоҳхӯиву*[1] ҳам шоҳрӯй?»

Чунин дод посух, ки «Эй номдор,
Яке курратозам далеру савор.

Маро гар бидорӣ, ба кор оямат,
Ба ранҷу ба бад[2] низ ёр оямат».

Бад-ӯ гуфт Настор: «Аз ин дар бигард,
Ту эдар ғарибиву бепоймард.

Биёбону дарёву аспон яла,
Ба ноошно чун супорам гала?»

Чу бишнид Гуштосп, ғамгин бирафт,
Ҳаме пӯст бар тан-ш гуфтӣ бикафт.

Ҳаме гуфт, ҳар кас, ки дарди падар
Биҷӯяд, аз ин бадтар ояд ба сар.[3]

В-аз он ҷо яке тезпай баргирифт,
Раҳи сорвонони Қайсар гирифт,

Яке офарин кард*[4] бар сорвон[5]
Ки бедор бодиву равшанравон.

Хирадманд чун рӯи Гуштосп дид,
Пазира шуду ҷойгоҳаш гузид.

Сабук бозгустард густарданӣ,
Биёвард чизе, ки буд х(в)арданӣ.

Чунин гуфт Гуштосп бо сорвон,
Ки «Эй ёри пирӯзу[6] равшанравон,

1. М – шоҳфарриву.
2. И – неку бадӣ.
3. Л –б. 172 нест.
4. М –Чунин гуфт Гуштосп.
5. И –сорбон.
6. И –пирӯз бодиву.

www.sattor.com

Маро деҳ яке корвони шутур,
Чу рой оядат, музди моҳам бибур».

Бад-ӯ сорвон гуфт, к-«Эй шермард,
Назебад ҳаме бар ту ин кор кард.

Ба чизе ки мороcт, кай сар кунӣ,
Ҳамон беҳ,*[1] ки оҳанги Қайсар кунӣ,

Туро бениёзӣ диҳад з-ин сухун,
Ҷуз оҳанги даргоҳи Қайсар макун.[2]

В-агар роҳ дур аст,*[3] дорам ҳаюн
Писандидаву мардуми раҳнамун.»

Бар ӯ офарин карду баргашт аз ӯй,
Пур аз ғам сӯи шаҳр бинҳод рӯй.

Шуд он дардҳо бар дилаш-бар гарон,
Биёмад ба бозори оҳангарон.

Яке номвар буд, Буроб ном,
Писандида оҳангари шодком.

Ҳаме кард ӯ наъл аспони шоҳ,
Варо назди Қайсар будӣ дастгоҳ.[4]*[5]

Варо ёру шогирд буд сиву панҷ,
Зи путку зи оҳан расида ба ранҷ.

Ба дуккон-ш биншаст Гуштосп дер,
Шуд он пешавар аз нишастан-ш сер.

Бад-ӯ гуфт оҳангар: «Эй некхӯй,
Чӣ дорӣ ба дуккони мо орзуй?»

1. М –беҳ ояд.
2. ИЛ –б. 182 нест.
3. М – бошадат рой.
4. ИЛ –б. 187 нест.
5. М –Бари Қайсар ӯро будӣ ҷойгоҳ.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт Гуштосп, к-«Эй некбахт,
Напечам сар аз путк в-аз кори сахт.

Маро гар бидорӣ ту, ёрӣ кунам,
Бар ин путку сандон саворӣ кунам».

Чу бишнид Буроб аз ӯ достон,
Ба шогирдияш[1] гашт ҳамдостон.

Гаронмоя гӯе ба оташ битофт,
Чу шуд тофта, сӯи сандон шитофт.

Ба Гуштосп доданд путки гарон,
Бар ӯ анҷуман гашта оҳангарон.

Бизад путку бишкаст сандону гӯй,
Аз ӯ гашт бозор пургуфтугӯй.

Битарсид Буробу гуфт: «Эй ҷавон,
Ба захми ту сандон надорад тавон,

На сангу на оташ, на сандону дам».
Чу бишнид Гуштосп, з-ӯ шуд дижам.

Бияндохт путку бишуд гурсуна
На рӯи хуриш буд, на ҷои буна.

Намонад ба кас рӯзи сахтиву ранҷ,
На осониву шодмониву ганҷ.

Баду нек бар мо ҳаме бугзарад,
Набошад дижам, ҳар кӣ дорад хирад.

БУРДАНИ ДЕҲҚОНЕ ГУШТОСПРО ДАР ХОНАИ ХЕШ

Ҳаме буд Гуштосп дилдардманд,
Хурӯшону ҷӯшон зи чархи баланд.

1. ЛМ – ёрии ӯ.

www.sattor.com

Наёмад зи гетиш ҷуз заҳр баҳр,
Яке русто дид наздики шаҳр.

Дарахту гулу обҳои равон,
Нишастангаҳи шод, марди ҷавон.

Дарахте гашан соявар пеши об,
Ниҳон гашта з-ӯ чашмаи офтоб.

Бад-он соя бинншаст марди ҷавон,
Пур аз дард, печону тирараво н.

Ҳаме гуфт, к-«Эй довари кирдгор,
Ғам омад маро баҳра аз[1] рӯзгор.

Бубинам ҳаме ахтари хеш бад,
Надонам чаро бар сарам бад расад?»

Яке номвар з-он писандида деҳ
Гузар кард бар вай, чу ӯ буд меҳ.

Варо дид бо дидагон пур зи хун,
Ба зери занах даст карда сутун.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй зодмарди[2] ҷавон,
Чароӣ пур аз дарду тирараво н?

Агар з-эдар оӣ ба айвони ман,
Бувӣ шод якчанд меҳмони ман.

Магар к-ин ғамон бар дилат кам шавад,
Сари тири мижгон-т бенам шавад».

Бад-ӯ гуфт Гуштосп, к-«Эй номҷӯй,
Нажоди ту аз кист, бо ман бигӯй?»

Чунин дод посух варо кадхудой,
К-«Аз ин пурсиш акнун туро чист рой?

1. И – З-ин.
2. Л – роҳмардӣ, ИМ –покмардӣ.

www.sattor.com

Ман аз тухми шоҳ Офаридуни гурд,
Ки он тухма андар ҷаҳон нест хурд».

Чу бишнид Гуштосп, бардошт пой,
Ҳаме рафт бо номвар кадхудой.

Чу он меҳтар омад сӯи хони хеш,
Ба меҳмон биёрост айвони хеш.

Ба сони бародар ҳаме дошташ,
Замоне ба ноком нагзошташ.

Замона бар ин низ чанде бигашт,
Бар ин кор-бар моҳиён баргузашт.

ДОСТОНИ КАТОЮН-ДУХТАРИ ҚАЙСАР

Чунон буд Қайсар бад-он гаҳ ба рой,
Ки чун духтари ӯ расидӣ ба ҷой,

Чу гаштӣ баландахтару ҷуфтҷӯй,
Бидидӣ, ки омад-ш ҳангоми шӯй,

Яке гирд кардӣ ба кох анҷуман,
Бузургони фарзонаву[1] ройзан.

Ҳар он кас, ки будӣ мар ӯро ҳамол
В-аз он номдорон баровардa ёл,

Ба кохи падар духтари моҳрӯй
Бигаштӣ бар он анҷуман ҷуфтҷӯй.

Парастанда будӣ ба гирд-андараш,
Ки мардум надидӣ баланд афсараш.[2]

Паси пардаи Қайсар он рӯзгор
Се духтар будаш чун гул андар баҳор.*[3]

1. Л – фарзонаи.
2. И – Зи мардон набудӣ пазира бараш.
3. М –буд андар ҷаҳон номдор.

www.sattor.com

Ба болову дидору оҳистагӣ,
Ба рою ба шарму ба шоистагӣ.

Яке буд меҳтар, Катоюн ба ном,
Хирадманду равшандилу шодком.

Катоюн чунон дид як шаб ба хоб,
Ки равшан шудӣ кишвар аз офтоб.

Яке анҷуман мард пайдо шудӣ,
Ба анбӯҳи мардум сурайё шудӣ.

Дар он анҷуман буд бегонае,
Ғарибе, дилозурда фарзонае.[1]

Ба болой сарву ба дидор моҳ,
Нишастан-ш чун бар сари гоҳ шоҳ.

Яке даста додӣ Катоюн бад-ӯй,
Аз ӯ бистадӣ дастаи рангу бӯй.

Ба шабгир чун бардамид офтоб,
Сари номдорон баромад зи хоб.

Яке анҷуман кард Қайсар бузург,
Ҳар он кас, ки буд аз бузургу[2] сутург.

Бар он анҷуман шод биншонданд,
В-аз он пас паричеҳраро хонданд.

Катоюн бишуд бо парастор шаст,
Яке дастаи тозанаргис*[3] ба даст.

Ҳаме гашт чандон ки омад сутӯҳ,
Писандаш наёмад яке[4] з-он гӯрӯҳ.

1. И – 228 – 232 нест.
2. Л – бузургон.
3. М – гул гирифта.
4. ИЛ – касе.

www.sattor.com

Аз айвон паси парда бинҳод рӯй,
Хиромону гирёну дил ҷуфтҷӯй.

Ҳам он гаҳ замин гашт чун парри зоғ,
Чунин то сар аз кӯҳ барзад чароғ.

Бифармуд Қайсар, ки аз кеҳтарон,
Ба Рум - андарун моявар[1] меҳтарон

Биёянд яксар ба кохи баланд,
Бад-он то кӣ бошад ба хубӣ писанд.

Чу огоҳӣ омад ба ҳар меҳтаре,
Ба ҳар номдореву ҳар кеҳтаре.[2]*[3]

Ҳамон марди некӯ*[4] ба Гуштосп гуфт,
Ки «То чанд дар хона бошӣ*[5] нуҳуфт?[6]

Биё,[7] то магар коху гоҳи меҳӣ
Бубинӣ, дилат гардад аз ғам тиҳӣ».[8]

---

1. И –номвар.
2. ТПЗЛ – Ба даргоҳи Қайсар ниҳоданд рӯй
   Ба уммед ҳар як пур аз рангу бӯй.
3. М – сарваре.
4. М – Хирадманд меҳтар.
5. М –чандин чӣ бошӣ ту андар.
6. Л –б. 245 нест.
7. Ил – Бирав.
8. И –Пас аз б. 246 ин б. омада:
   Ки Қайсар яке ҷашн оростаст,
   Ба ҷоми биҳиштӣ пур аз хостаст.
   Яке духтараш буд, Катоюн ба ном,
   Ҳама сар ба сар кому ором (у) ном.
   Бад-он гаҳ, ки бошад писандаш барӣ,
   Киро баргузинад парӣ озарӣ?
   Ба боло ба монанди озодсарв,
   Хиҷил гардад аз рафтани ӯ тазарв.
   Яке сур фармуд кардан ба зар,
   Меҳонро ҳама хонд ӯ сар ба сар.
   Наёмад писандаш касе з-он гурӯҳ,
   Кунун гар кунӣ роҳи моро шукӯҳ,
   Хиромем ҳарду бад-он ҷашнгоҳ,
   Магар бахт фарбеҳ барояд зи гоҳ.

www.sattor.com

Чу Гуштосп бишнид, бо ӯ бирафт,
Ба айвони Қайсар хиромид тафт.

Ба байғулае шуд фуруд аз меҳон,
Пур аз дард биншаст хаста равон.

Бирафтанд бедордил бандагон,
Катоюну гулрух парастандагон.

Ҳаме гашт бар гирди айвони хеш
Парастор дар пас,[1] парастор пеш.

Чу аз дур Гуштоспро дид, гуфт,
Ки он хоб сар баркашид аз нуҳуфт,

Бад-он моявар номдор афсараш
Ҳамон гаҳ биёрост фаррух[2] сараш.

Чу дастури омӯзгораш[3] бидид,
Ҳам андар замон пеши Қайсар давид,

Ки марде гузин кард аз он анҷуман,
Ба боло чу сарви саҳӣ дар чаман.

Ба рух чун гулистону боёлу кифт,
Ки ҳар к-аш бубинад, бимонад шигифт.

Ту гӯӣ магар фарраи эзадист,
Валекин надонем ӯро, ки кист.

Чунин дод посух, ки «Духтар мабод,
Ки аз парда айб оварад бар нажод.

Агар ман супорам бад-ӯ духтарам,
Ба нанг-андарун паст гардад сарам.

Ҳам инрову онро, ки ӯ баргузид,
Ба кох-андарун сар бибояд бурид».

1. Л –Басаш бихрадону.
2. Ил –хуррам.
3. И – омӯзгор он.

www.sattor.com

Сукуф гуфт, к-«Ин нест кори гарон,
Ки пеш аз ту буданд чандин сарон.

Ту бо духтарат гуфтӣ: «Анбоз ҷӯй,
Нагуфтӣ, ки шоҳи*[1] сарафроз ҷӯй.

Кунун ҷуст ҳар кас, ки омад-ш х(в)аш,
Ту аз роҳи Яздон саратро макаш.

Чунин буд расми ниёкони ту,
Сарафрозу диндор покони ту.

Бар оини ин шуд пайафканда Рум,
Ту роҳе магир андар обод бум.

Ҳумоюн набошад чунин, худ магӯй,
Ба роҳе ки ҳаргиз нарафтӣ, мапӯй».

ДОДАНИ ҚАЙСАР КАТОЮН ГУШТОСПРО

Чу бишнид Қайсар, бар он барниҳод[2],
Ки духти гиромӣ ба Гуштосп дод.

Бад-ӯ гуфт: «Бо ӯ бирав ҳамчунин,
Наёбӣ зи ман ганҷу тоҷу нигин».

Чу Гуштосп он дид, хира бимонд,
Ҷаҳонофаринро фаровон бихонд.

Чунин гуфт бо духтари сарфароз,
Ки «Эй парварида ба нозу ниёз,

Зи чандин сару афсари номдор
Чаро кард роят маро хостор?

Ғарибе ҳаме баргузидӣ, ки ганҷ
Наёбиву бо ӯ бимонӣ ба ранҷ.

1. М – мири.
2. И –Бад-он сар ниҳод.

www.sattor.com

Аз ин сарфарозон ҳамоле бичӯй,
Ки бошад-т назди падар обрӯй».

Катоюн бад-ӯ гуфт, к-«Эй бадгумон,
Машав тез бо гардиши осмон.

Чу ман бо ту хурсанд бошам ба бахт,
Ту афсар чаро ҷӯиву тоҷу тахт?»

Бирафтанд аз айвони Қайсар бадард
Катоюну Гуштосп бо боди сард.

Ба наздики он марди деҳқон шуданд,
Дижамгаштаву зору печон шуданд.[1]

Сарое бипардохт меҳтар ба деҳ,
Зи густарданиҳо бибурд, он чи беҳ.

Чунин гуфт бо шӯю зан кадхудой,
Ки «Хурсанд бошеду фархундарой!»

Чу он дид Гуштосп, кард офарин
Бар он меҳрубон[2] меҳтари покдин.

Катоюн беандоза пероя дошт,
Зи ёқуту ҳар гавҳаре[3] моя дошт.

Яке гавҳаре аз миён баргузид,
Ки чашми хирад низ чун он*[4] надид.

Бибурданд наздики гавҳаршинос,
Пазируфт аз андоза берун сипос.

Баҳо дод ёқутро шаш ҳазор
Зи динору зар он чи ояд ба кор.

1. ИЛМ –б. 276 нест.
2. И – Бад-он номвар.
3. И –гавҳар гарон.
4. М – хирадманд аз он сон.

www.sattor.com

Хариданд чизе, ки шоиста буд,
Бад-он рӯй чизе ки боиста буд.

Аз он моя, к-омад, ҳаме зистанд,
Гаҳе шодмон, гоҳ бигристанд.

Ҳама кори Гуштосп нахчир буд,
Ҳама рӯз бо таркашу тир буд.

Чунон буд, ки рӯзе зи нахчиргоҳ
Мар ӯро ба Ҳайшуй –бар буд роҳ.

Зи ҳар гунае чанд нахчир дошт,
Ҳаме ронд*[1], таркаш пур аз тир дошт.

Ҳама ҳарчи буд аз бузургону хурд
Ҳам аз роҳ наздики Ҳайшуй бурд.

Чу Ҳайшуй дидаш, пиёда давон,
Пазира шудаш шоду равшанравон.

Ба зераш бигустард густарданӣ,
Биёвард чизе бараш*[2] х(в)арданӣ.[3]

Биёсуд[4] Гуштосп, чизе бих(в)ард,
Биёмад ба назди Катоюн чу гард.

Чу Гуштосп Ҳайшуйро дӯст кард,
Бад-онаш варо чун паю пӯст кард.

Чу рафтӣ ба нахчири оҳу зи шаҳр,
Аз онҳо[5] ба Ҳайшуй додӣ ду баҳр.

Дигар баҳраи меҳтари деҳ будӣ,
Ҳар он кас, ки з-он русто меҳ будӣ.

---

1. М – Ҳаме рафту.
2. М –ки бурд.
3. ИЛМ – Баросуд.
4. И –пас аз б. 291 ин б. омада:
   Бипурсид аз кори вай сар ба сар,
   Ба Ҳайшуй гуфт он гаҳе дар ба дар.
5. ИЛМ – ба раҳ-бар.

www.sattor.com

Чунон шуд, ки Гуштосп бо кадхудой
Яке шуд ба хӯрду ба орому рой.

ХОСТАНИ МИРИН ДУХТАРИ ДИГАРРО АЗ ҚАЙСАР

Яке румие буд, Мирин ба ном
Сарафроз бо ганҷу бо рою[1] ком.[2]

Фиристод наздики Қайсар паём,
Ки ман сарфарозам ба ганҷу ба ном.

Ба ман деҳ диланҷом*[3] духтар-тро
Ба ман тоза кун ному афсар-тро[4]».

Бад-ӯ[5] гуфт Қайсар, ки «Ман з-ин сипас
Наҷӯям бар ин рӯй пайванди кас.

Катоюну он марди носарфароз
Маро доштанд аз чунин кор боз.

Кунун ҳар кӣ ҷӯяд зи хешии ман,
В-агар сар фарозад ба пешии ман,

Яке кор бояд-ш кардан*[6] бузург,
Ки хонандаш андар[7] бузургон сутург.

Ҳам ӯ дар ҷаҳон номдоре бувад.
Маро дар ҷаҳон низ ёре бувад.[8]

---

1. И – ному.
2. И – пас аз б. 298 ин б. омада:
   Ҳам аз хешу пайванди Қайсар будӣ,
   Мар ин мардро як бародар будӣ.
3. М – сарафроз.
4. И – пас аз б. 299 ин б. омада:
   Бар оин (у) дину ниҳоди туам,
   Ки ман босипоҳ аз нажоди туам,
5. ИЛ – Чунин.
6. М – кардан бояд.
7. Л –эдар.
8. ТПЗ – Ба гетӣ набошад далере чу ӯй,
   Ба мардонагӣ наррашере чу ӯй.

www.sattor.com

Шавад то сари бешаи Фосқун
Бишӯяд дилу мағзу дасташ ба хун.

Яке гург бинад ба кирдори пил,
Тани аждаҳо дораду зӯри Нил.

Сурин дораду неш ҳамчун гуроз,
Наёрад шудан пил пешаш фароз.

Бар он беша-бар нагзарад наррашер,
На пилу на бабру на марди далер.

Ҳар он кас, ки бар вай бидаррид пӯст,
Маро бошад ӯ ёру домоду дӯст».

Чунин гуфт Мирин: «Бар ин зодбум
Ҷаҳонофарин то пай афканд Рум,

Ниёкони мо ҷуз ба гурзи гарон
Накарданд пайкор бо меҳтарон.

Кунун Қайсар аз ман чӣ ҷӯяд ҳаме,
Чунин бо ман аз кина гӯяд ҳаме?

Ман ин чора акнун ба ҷой оварам,
Зи ҳар гуна покиза рой оварам».

Биёмад ба айвон писандида мард,
Зи ҳар гуна андешаҳо ёд кард.

Набишта биёвард[1], бинҳод пеш,
Ҳамон ахтару толеъи соли хеш.

Чунин дид, к-андар фалон рӯзгор
Аз Эрон биёяд як номдор.

Ба дасташ барояд се кори гарон,
К-аз он бозмонанд румисарон.

1. ИЛ – биёварду.

www.sattor.com

Яке он ки домоди Қайсар шавад,
Ҳам ӯ бар сари Қайсар афсар шавад.

Падид ояд аз рӯи кишвар ду дад,
Ки ҳар кас расад аз бади дад ба бад.

Шавад ҳар ду бар дасти ӯ-бар ҳалок,
Зи ҳар зӯрмандӣ наёяд-ш бок.

Зи кори Катоюн худ*[1] огоҳ буд,
Ки бо гурд Гуштосп ҳамроҳ буд.[2]

Зи Ҳайшую он меҳтари номҷӯй,
Ки ҳарду бар ӯ овариданд рӯй,

Биёмад ба наздики Ҳайшуй тафт,
Бад-ӯ ёд кард[3] он суханҳо, ки рафт.

В-аз он ахтари файласуфони Рум
Шигифте ки ояд бар он марзу бум.

Бад-ӯ[4] гуфт Ҳайшуй, к-«Имрӯз шод
Бари мо ҳаме бош бо меҳру дод,

Ки он мард, к-аз вай ту додӣ нишон,
Яке номдор аст аз саркашон.

Ба нахчир дорад ҳама рӯз рой,
Наандешад аз тахти ховархудой.

Яке дӣ биёмад ба наздики ман,
Ки хуррам шуд ин ҷони торики ман.

Биёяд ҳам акнун зи нахчиргоҳ,
Ба мо-бар бувад бегумонеш роҳ.

1. М – чу.
2. Л – б. 321 нест.
3. ИЛМ – саросар бигуфт.
4. Л – чунин.

www.sattor.com

Май оварду майхора бо бӯю ранг,
Нишастанд бо ҷоми заррин ба чанг.

Бад-он гаҳ, ки шуд ҷоми май бар чаҳор,
Падид омад аз дур гарди савор.

Чу Ҳайшую Мирин бидиданд гард,
Пазира шудандаш ба дашти набард.

Чу Мирин бидидаш, ба Ҳайшуй гуфт,
Ки «Инро ба гетӣ касе нест ҷуфт.

Бад-ин шоху ёлу бад-ин дастбурд
Зи тухме бувад номбардор гурд».[1]

Бад-ӯ гуфт Ҳайшуй, к-«Ин родмард
Дили шер дорад ба дашти набард.

Ҳунарҳо зи дидори ӯ бугзарад,
Ҳамон шарму озодагиву хирад».

Чу Гуштосп танг омад, ин ҳар ду мард
Пиёда бирафтанд бар сони гард.

Нишасте баророст бар пеши об,
Яке хони нав хост андар шитоб.

Май овард, бо майгусорони нав
Нишасти навоину ёрони нав.

Чу рух лаъл шуд аз маи лаълфом,
Ба Гуштосп Ҳайшуй гуфт «Эй ҳумом,

Маро бар замин дӯст хонӣ ҳаме,
Ҷуз аз ман касеро надонӣ ҳаме.

Кунун сӯи ман кард Мирин паноҳ,
Яке номдор аст бодастгоҳ.

1. ТПЗ – Бузург асту бо фарраи эзадист,
Хирадманду донову дур аз бадист,

www.sattor.com

Дабир асту бодонишу ҳушманд,
Бигирад шумори сипеҳри баланд.

Сухан гӯяд аз файласуфони Рум,
Зи ободу вайрони[1] ҳар марзу бум,

Ҳам аз гавҳари Салм дорад нажод,
Падар бар падар ном дорад ба ёд.

Ба наздики ӯй аст шамшери Салм,
Ки будӣ ҳама сол[2] дар зери Салм.

Далер асту аспафкану гурдгир,
Уқоб андарорад зи гардун ба тир.

Бар ин низ хоҳад, ки бешӣ кунад,
Або Қайсари Рум хешӣ кунад.

Ба Қайсар сухан гуфту посух шунид,
Зи посух ҳамоно дилаш бардамид,

Ки ӯ гуфт: «Дар бешаи Фосқун
Яке гург ёбӣ ба сони ҳаюн.

Агар кушта гардад[3] ба дасти ту гург,
Ту бошӣ ба Рум ирмоне бузург.

Ҷаҳондор бошиву домоди ман,
Замона ба хубӣ диҳад доди ман.

Кунун гар ту инро кунӣ даст пеш,
Манат бандаам в-ин сарафроз хеш».

Бад-ӯ гуфт Гуштосп: «Оре[4] равост,
Бигӯед, к-ин[5] беша акнун куҷост?

1. Л – донову пирони.
2. ЛМ – ҳамасола.
3. ИЛ – ояд.
4. ИЛ – коре.
5. ИЛ – Чӣ гӯянд в-ин.

www.sattor.com

Чӣ гуна даде бошад андар ҷаҳон,
Ки тарсанд аз ӯ кеҳтарону меҳон?»

Бад-ӯ гуфт Ҳайшуй, к-«Ин наррагург*[1]
Сараш бартар аст аз ҳаюни сутург.[2]

Ду дандони ӯ ҳамчу дандони пил,
Ду чашмаш табархуну чармаш чу нил.

Суруҳош[3] чун обнӯсе фарасп,
Чу хашм оварад, бугзаронад зи асп.

Аз ин ҷо басе[4] номвар меҳтарон[5]
Бирафтанд бо гурзҳои гарон.

Аз он беша ноком бозомаданд,
Пур аз нангу дил пургудоз омаданд».[6]

Бад-ӯ гуфт Гуштосп, к-«Он теғи Салм
Биёреду аспе сарафрозу гарм.

Ҳаме аждаҳо хонам онро[7], на гург,
Ту гурге мадон он ҳаюни сутург».[8]

Чу бишнид Мирин, аз он ҷо бирафт,
Сӯи хонаи хеш тозид тафт.

Зи охур гузин кард аспе сиёҳ,
Гаронмоя хафтону румӣ кулоҳ.

Ҳамон моявар теғи алмосгун,
Ки Салм об додаш ба заҳру ба хун.

---

1. М – пиргург.
2. ИЛ – бузург.
3. Л – сутунҳош.
4. И – эдар бар ӯ; Л – эдар яке.
5. ИЛ – қайсарон.
6. ТПЗ – Гар ояд ба дасти ту ин коркард,
   Сарат барфарозӣ зи мардони мард.
7. И – ӯро.
8. И –аз сутур (е) бузург.

www.sattor.com

Басе ҳадя бугзид бо он зи ганҷ
Зи ёқуту гавҳар ҳама панҷ-панҷ.

Чу хуршед пероҳани қиргун
Бидарриду аз парда омад бурун,

Ҷаҳонҷӯй Мирин зи айвон[1] бирафт,
Биёмад ба наздики Ҳайшуй тафт.

Зи нахчир Гуштосп з-он сӯ кашид,
Нигаҳ кард Ҳайшую ӯро бидид.

Чу наздик омад, пазира шуданд,
Аз он аспу шамшер хира шуданд.

Чу Гуштосп он ҳадяҳо бингарид,
Ҳамон аспу теғ аз миён баргузид.

Дигар чиз бахшид Ҳайшуйро,
Биёрост ҷони ҷаҳонҷӯйро.

Бипӯшид Гуштосп хафтон чу гард,
Ба зер андаровард аспи набард.

Ба бозу камону ба зин-бар каманд
Саворе сарафрозу аспе баланд.

Бишуд тез[2] Ҳайшуй бо ӯ ба роҳ
Ҷаҳонҷӯй Мирини фарёдхоҳ.

Чунин то лаби бешаи Фосқун
Бирафтанд пӯёну дил пур зи хун.

КУШТАНИ ГУШТОСП ГУРГРО

Чу наздик шуд бешаву ҷои гург,
Битарсид*[3] Мирин зи гурги сутург.

1. И – он ҷо.
2. ИЛ – ҳамегуфт.
3. М – Бупечид.

www.sattor.com

Ба Гуштосп бинмуд з-ангушти рост,
Ки он аждаҳоро нишеман куҷост?

Аз ӯ боз гаштанд ҳарду бадард,
Пур аз хун дилу дида пуроби зард.

Чунин гуфт Ҳайшуй, к-«Он сарфароз
Чунон шуд, ки низаш набинем боз.[1]

Дареғ он бару бозуву ёли ӯй,
Дареғ он дилу зӯри гӯполи ӯй».

Чу Гуштосп наздики он беша шуд,
Дили размсозаш пурандеша шуд.[2]

Фуруд омад аз бораи сарфароз,
Ба пеши ҷаҳондор бурдаш намоз.

Ҳаме гуфт, к-«Эй пок парвардгор,
Фурӯзандаи гардиши рӯзгор,

Ту бошӣ бар ин дад маро дастгир,
Бубахшой бар ҷони Луҳроспи пир.

Агар бар ман ин аждаҳои бузург,
Ки хонад варо нохирадманд гург,

Шавад подшо, чун падар бишнавад,
Хурӯшон шавад, з-он сипас нағнавад.

Бимонад бар ин дард чун беҳушон,
Ба ҳар сӯ хурӯшону ҷӯё нишон.

В-агар ман шавам з-ин дади бад сутӯҳ,
Намонам ман*[3] аз шарм пеши гурӯҳ».[4]

---

1. Л – Далер асту донову ҳам расмсоз.
2. Л – б. 381, 382 нест.
3. М – Бипӯшам сар.
4. И – пас аз б. 389 ин б. омада:

   Тавонӣ маро чира кардан бар ӯй,
   Туӣ бартар аз чораи чораҷӯй.

www.sattor.com

Бигуфт ину[1] бар борагӣ барнишаст,
Хурӯшону шамшери салмӣ[2] ба даст.

Камонро ба зеҳ-бар ба бозу-дарун,
Ҳаме рафт бедор[3], дил пур зи хун.

Зи раҳ чун ба танг андаромад савор,
Биғуррид бар сони абри баҳор.

Чу гург аз дари беша ӯро бидид,
Хурӯше ба абри сияҳ баркашид.[4]

Бидаррид*[5] рӯи заминро ба чанг
Абар гунаи шеру ҷангӣ паланг.

Чу Гуштосп он[6] аждаҳоро бидид,
Камонро бимолиду[7] андаркашид.

Чу бод аз бараш тирборон гирифт,
Камонро чу абри баҳорон гирифт.

Дад аз тири гуштоспӣ хаста шуд,
Далериш бо дард пайваста шуд.

Бияфтоду[8] бархост аз ҷой гург,
Биёмад ба сони ҳаюни сутург.

Сурин чун гавазнон ба пеш-андарун,
Тан аз захм пурдарду дил пур зи хун.

Чу наздики асп андаромад зи роҳ,
Суруне бизад бар сурини сиёҳ,

1. И – ону.
2. И – ҷӯшону теғе.
3. Л – бедору.
4. Л – б. 393 нест.
5. М – Ҳаме канд.
6. И –ин.
7. И – ба зеҳ карду.
8. Л – Баросуду.

www.sattor.com

Ки аз хоя[1] то нофи ӯ бардарид,
Ҷаҳонҷӯй теғ аз миён баркашид.[2]

Пиёда бизад бар миёни сараш,
Ба ду нима шуд пушту ёлу бараш.

Биёмад ба пеши худованди дад,
Худованди ҳар донишу неку бад.

Ҳаме офарин хонд бар кирдгор,
Ки эй офаринандаи рӯзгор,

Туӣ роҳгумкардаро раҳнамой,
Туӣ бартару додгар як Худой.

Ҳама кому пирӯзӣ аз номи туст,
Ҳама фарру доноӣ аз коми туст.

Чу баргашт аз он ҷойгоҳи намоз,
Биканд он ду дандон, ки будаш дароз.

В-аз он беша танҳо сар андаркашид,[3]
Ҳаме рафт, то пеши дарё расид.[4]

Бари об Ҳайшую Мирин бадард
Нишаста забонҳо пур аз ёдкард.

Суханшон зи Гуштосп буду зи гург,
Ки «Зоро, саворо, далеро,*[5] сутург,

Ки акнун ба разми бузург-андар аст,
Пур аз хун*[6] ба чанголи гург-андар аст».

Чу Гуштосп омад пиёда падид,
Пур аз хуну рух чун гули шанбалид,

1. И – сина.
2. ТПЗ – Биёмад ба кирдори даррандашер,
Чунон чун бувад марди созу далер.
3. Л – гирифт.
4. Л – шигифт.
5. М – зор он савори далер.
6. М – даридан.

www.sattor.com

Бididанд в-аз ҷой бархостанд,
Ба зорӣ хурӯшидан оростанд.

Ба зорӣ[1] гирифтандаш андар канор
Рухон зарду мижгон чу абри баҳор,

Ки «Чун рафт бо гург пайкори ту?
Дили мо пур аз хун зи кирдори ту».

Бад-ӯ гуфт Гуштосп, к-«Эй некрой,
Ба Рум-андарун нест тарс аз Худой,

К-аз ин сон яке аждаҳои далер
Ба кишвар бимонанд то соли дер.[2]

Барояд, ҷаҳоне шавад з-ӯ ҳалок,
Чи Қайсар мар ӯро, чи як мушти хок.

Ба шамшери Салмаш задам бар ду ним,
Сар омад шуморо ҳама тарсу бим.

Шавед ин шигифтӣ бубинед гарм,
Ки абр аждаҳо чун даридаст чарм.

Яке жандапил аст гӯӣ ба пӯст,
Ҳама беша болову паҳнои ӯст».

Бад-он беша рафтанд ҳарду давон,
Зи гуфтори ӯ шоду равшанравон.

Бididанд гурге ба кирдори пил,
Ба чанголи шерону ҳамранги Нил.

Бар ӯ карда захме зи сар то миён,[3]
Зи як пӯст карда ду шери жаён.

1. И – Пас он гаҳ.
2. И – б. 417 нест.
3. И – б. 424 нест.

www.sattor.com

Басе хонданд он замон*[1] офарин
Бад-он фарраманд офтоби замин.

Ба дил*[2] шод аз он беша бозомаданд,
Бари шери ҷангӣ фароз омаданд.

Басе*[3] ҳадя овард Мирин бараш,
Бад-он сон, ки ӯ дид андарх(в)араш.

Ба ҷуз дигар аспе напазруфт аз ӯй
В-аз он ҷо сӯи хона бинҳод рӯй.

Чу омад зи дарё ба ороми хеш,
Катоюни бинодилаш рафт пеш.

Бад-ӯ гуфт: «Ҷавшан куҷо ёфтӣ,
К-аз эдар ба нахчир биштофтӣ?[4]».

Чунин дод посух, ки «Аз шаҳри ман
Биёмад яке моядор анҷуман.[5]

Маро ҳадя ин ҷавшану теғу[6] хӯд
Бидоданд[7] чанде зи хешон дуруд».

Катоюн май овард ҳамчун гулоб,
Ҳаме хӯрд бо шӯй то гоҳи хоб.

Бихуфтанд шодон ду шодигирой,
Ҷавонмард ҳар дам биҷастӣ зи ҷой.

Бидидӣ ба хоб-андарун разми гург
Ба кирдори нараждаҳои сутург.

1. М – Чу диданд, карданд бас.
2. М – Диле.
3. М – Яке.
4. ТПЗМ – Ҳаме обгун теғи сандонгузор,
   Бад – ӯ гуфт, к-эй моҳрух, гӯш дор.
5. И – б. 431 нест.
6. Л – диръу.
7. И – расонид.

www.sattor.com

Катоюн бад-ӯ гуфт: «Имшаб чӣ буд,
Ки ҳазмон битарсӣ чунин нобисуд?»

Чунин дод посух, ки «Ман[1] бахти хеш
Бидидам ба хоб-андарун[2] тахти хеш».

Катоюн бидонист, к-ӯро нажод
Зи шоҳе бувад якдилу якниҳод.

Бузург асту бо ӯ нагӯяд ҳаме,
Ба*[3] Қайсар бузургӣ*[4] наҷӯяд ҳаме.[5]

Бад-ӯ гуфт Гуштосп, к-«Эй моҳрӯй,
Саҳиқадду симинбару мушкбӯй,

Биёрой, то мо ба Эрон равем,*[6]
Аз эдар ба ҷои далерон шавем.

Бубинӣ бару буми фархундаро,
Ҳамон шоҳи бододу бахшандаро».

Катоюн бад-ӯ гуфт: «Хира магӯй,
Ба тезӣ чунин роҳи рафтан маҷӯй.

Чу з-эдар ба Эрон ниҳӣ рӯйро,
Ҳамовоз кун пеш Ҳайшуйро.

Магар бугзаронад ба киштӣ туро,
Ҷаҳон тоза шуд, чун гузаштӣ, туро.

Ман эдар бимонам ба ранҷи дароз,
Надонам, ки кай биманат низ боз».

Ба норафта дар ҷома[7] гирён шуданд,
Абе оташ аз дард бирён шуданд.

1. И – аз.
2. И –афсару.
3. М – Зи.
4. М – баландӣ.
5. И –б. 438 нест.
6. М – шавем.
7. Л – хона.

www.sattor.com

Чу аз чарх бифрӯхт гарданда шед,
Ҷавонони бедордил пурумед

Аз он ҷомаи нарм бархостанд,
Зи ҳар гунае гуфтан оростанд,

Ки то чун равад бар сари мо сипеҳр
Ба тундӣ гирояд ҷаҳон гар ба меҳр?

В-аз он рӯй чун бод Мирин бирафт,
Ба наздики Қайсар хиромид тафт.

Чунин гуфт, к-«Эй номдори бузург,
Ба поён расид он зиёнҳои гург.

Ҳама беша сар то сар он аждаҳост,
Ту низ ар[1] шигифтӣ бубинӣ, равост.

Биёмад дамон, кард оҳанги ман,
Яке ханҷаре ёфт аз ҷанги ман.

Зи сар то миёнаш ба ду ним гашт,
Дили дев аз он захм пурбим гашт».

Биболид Қайсар зи гуфтори ӯй,
Барафрӯхт пажмурда рухсори ӯй.

Бифармуд, то гову гардун баранд,
В-аз он ҷойгаҳ гург[2] берун баранд.[3]

Бирафтанду диданд пили жаён,
Ба ханҷар бурида зи сар то миён.

---

1. 1 И – б. 439 – 453 нест.
2. ИМ – Саропарда аз шаҳр.
3. ТПЗИМ – Яке базмгоҳе биёростанд,
Маю руду ромишгарон хостанд.
Бибурданд говони гардункашон
Бар он беша, к-аз гург будӣ нишон.

www.sattor.com

Чу берун кашиданд-ш дар[1] марғзор,
Биларзид гуфтӣ ҳаме кӯҳсор.[2]

Ҷаҳоне назора ба дидори гург
Чӣ гург?! Он жаён наррадеви сутург.

Чу Қайсар бидид он тани пили маст,
Зи шодӣ ҳаме даст барзад ба даст.

Ҳамон рӯз Қайсар суқуфро бихонд
Ба айвону духтар ба Мирин расонд.

Навиштанд нома ба ҳар меҳтаре
Сакубову битриқи ҳар кишваре,

Ки Мирини шер он сарафрози Рум
Зи гурги диловар тиҳӣ кард бум.

БА ЗАНӢ ХОСТАНИ АҲРАН ДУХТАРИ СЕЮМИ ҚАЙСАРРО

Зи Мирин яке буд кеҳтар ба сол
Зи гурдони румӣ бароварда ёл.

Гави пурманиш номи ӯ Аҳрано
Зи тухми бузургону рӯинтано.

Фиристод наздики Қайсар паём,
Ки «Эй номвар меҳтари неконом,*[3]

Зи Мирин ба ҳар гавҳаре бугзарам,
Ба ганҷу ба теғу ҳунар бартарам.[4]

1. Л – кашидандаш аз.
2. ИЛМ – Ба говони гардункаши товдор.
3. М –б. инб. б. зер омада:
   Ба наздики Қайсар шуд он шерзод,
   Бигуфто, ки бум аз ту обод бод.
4. И – пас аз б. 468 ин б. омада:
   Сипоҳам фаровону ганҷам басе,
   Ба мардӣ набошад чу ман худ касе.

www.sattor.com

Ба ман деҳ кунун духтари кеҳтарат,
Ба ман тоза кун кишвару афсарат».

Чунин дод посух, ки «Паймони ман
Шунидӣ магар бо ҷаҳонбони ман?

Ки домод нагзинад ин духтарам,
Зи роҳи*[1] ниёкони худ бугзарам.

Чу Мирин яке кор бояд-т кард[2]
В-аз он пас ту бошӣ маро ҳамнабард.

Ба кӯҳи Сақило яке аждаҳост,
Ки кишвар ҳамасола з-ӯ дар балост.

Агар кам кунӣ аждаҳоро зи Рум,
Супорам ба ту духтару ганҷу бум,

Ки ҳамтои он гурги шеравжан аст,
Дами заҳри ӯ доми оҳарман аст».

Чунин дод посух, ки «Фармон кунам,
Бад-ин орзу ҷон[3] гаравгон кунам».[4]

Ба ёрон чунин гуфт, к-«Ин захми гург
Набуд ҷуз ба шамшери марди сутург,

Зи Мирин кай ояд чунин коркард,
Надонад ҳаме Қайсар аз мард мард.

Шавам з-ӯ бипурсам, бигӯяд магар
Зи чора чӣ кардаст он чорагар.»

Бишуд то ба айвони Мирин чу гард,
Парастандае рафту огоҳ кард.

1. М – раъйи.
2. И –бояд бикард.
3. И –дил.
4. ТПЗМ – Зи наздики Қайсар биёмад бурун,
Дилаш з-он суханҳои ӯ пур зи хун.

www.sattor.com

Нишастангаҳе дошт Мирин, ки моҳ
Ба гардун надорад чунин ҷойгоҳ.

Ҷаҳонҷӯй бо кабри кундоварӣ,
Яке афсаре бар сараш қайсарӣ.

Парастанда гуфт, Аҳрани пилтан
Биёмад ҳаме бо яке анҷуман.

Нишастангаҳе сохт шоистатар,
Бирафт, он ки ӯ буд боистатар.[1]

Чу Мирин бидидаш, ба бар даргирифт,
Парастидани меҳтар андаргирифт.

Ба айвони Мирин намонданд кас,
Ду меҳтар нишастанд бар тахту бас.

Бад-ӯ гуфт Аҳран, ки «Бо ман бигӯй
Зи ҳар ч-ат бипурсам, ту кажжӣ маҷӯй.

Маро орзу духтари Қайсар аст,
Куҷо Румро сар ба сар меҳтар аст.

Чу гуфтам, ба посух чунин гуфт боз,
Ки бар кӯҳ бо аждаҳо разм соз.

Агар бозгӯӣ ту ин разми гург,
Туӣ мар маро раҳнамои бузург».

Чу бишнид Мирин аз Аҳран сухун,
Бупечиду[2] андеша афканд бун,

Ки гар кори он номдори ҷавон[3]
Ба Аҳран нагӯям, намонад ниҳон.

---

1. ТПЗ – Аз анбӯҳ холӣ шуд он ҷойгоҳ,
Намонд эч кас ҷуз худованди гоҳ.
2. И – бипажмурду.
3. ИЛ – ҷаҳон.

www.sattor.com

Сари мояи мардумӣ ростист,
Зи торию каҗжӣ бибояд гирист!

Бигӯям магар, к-он набарда савор
Ниҳад аждаҳоро сар андар канор,

Ки*[1] Аҳран бувад мар маро ёру пушт,
Надорад магар бод душман ба мушт.

Барорем гард аз дили он савор,
Ниҳон монад ин роз[2] як рӯзгор.

Ба Аҳран чунин гуфт, к-«Аз кори гург
Бигӯям, чу савганд ёбам бузург,

Ки ин роз ҳаргиз ба рӯзу ба шаб
Нагӯӣ, кушода надорӣ ду лаб».[3]

Бихӯрд Аҳран он сахт савганди ӯй,
Бипазруфт сар то сар он панди ӯй.

Чу қиртосро ҷомаи хома кард,
Ба Ҳайшуй Мирин яке нома кард,

Ки «Аҳран, ки дорад зи Қайсар нажод,
Ҷаҳонҷӯй бо ганҷу бо тахту дод

Бихоҳад зи Қайсар ҳаме духтараш,*[4]
Ки мондаст аз он духтарон кеҳтараш.[5]*[6]

Ҳаме аждаҳо дом Аҳран кунад,
Бикӯшад сарашро, ки бетан кунад.

---

1. М – Чу.
2. ИЛ – кор.
3. И –б. 498 нест.
4. М – духтаре.
5. И –б. 502 нест.
6. М – кеҳтаре.

www.sattor.com

Биёмад ба наздики ман чорачӯй,
Кушода шуд он розҳо пеши[1] ӯй.*[2]

Аз он гургу он размдида савор
Бигуфтам ҳама, ҳарчи омад ба кор.

Чунон ҳам, ки кори маро кард хуб,
Кунад, бегумон, кори ин мард хуб.

Ду танро бар ин бум меҳтар кунад,
Ду хуршедро бар сар афсар кунад».

Ситуд Аҳран он нома аз чорачӯй,
Ба наздики Ҳайшуй бинҳод рӯй.[3]

Чу Аҳран ба наздики дарё расид,
Ҷаҳондида Ҳайшуй пешаш давид.

Аз ӯ бистад он номаи дилписанд,
Бар ӯ офарин карду букшод банд.

Бад-ӯ гуфт Ҳайшуй, к-«Аз дӯстон *[4]
Надонӣ, ки вайрон шавад бӯстон.*[5]

Яке номдори ғарибу ҷавон
Фидо кард дар пеши Мирин равон.

Кунун гар кунад ҷанги нараждаҳо,
Ба кӯшиш магар з-ӯ наёбад[6] раҳо.[7]

Ту имшаб бад-ин мизбон рой кун,
Бинеҳ шамъу дарё дилорой кун.

---

1. И – Ниҳонӣ суханҳо кушодам бар.
2. М – Гузашта суханҳо кушодам бад-ӯй.
3. ИЛ –б. 508 нест.
4. М – к-эй родмард.
5. М – Набояд, киояд ба озоди гард.
6. ИМ – биёбад.
7. ТПЗМ – Ба ман гуфтану кор дар дасти ӯст,
   Сухан гуфтани нек ҳар ҷо накӯст.

www.sattor.com

Чу фардо биёяд гави номҷӯй,
Бигӯям бад-ӯ, ҳар чӣ гӯӣ, бигӯй.

Ба шамъ оби дарё биёростанд,
Хуришҳо бихӯрданду май хостанд.[1]

Чунин то сапеда зи ёқути зард
Баромад бар ин гунбади*[2] лоҷвард.

Зи дарё бидид Аҳрани номдор,
Ки пайдо шуд аз дур*[3] гурди савор.[4]

Чу танг андаромад, пиёда давон
Пазира шудандаш ду равшанравон.[5]

Фуруд омад аз асп ҷангисавор[6]
Маю хӯрданӣ хост аз номдор.

Ҳаме тез бикшуд Ҳайшуй лаб,
Ки «Шодӣ кун, эй номвар рӯзу шаб.

Нигаҳ кун бар ин гурди[7] қайсарнажод,
Ки гардуни гардон бад-ӯй аст шод.

Ҳам аз тухмаи қайсарон аст низ,
Ҳамаш фарраву ганҷу ном асту чиз.

Ба домодии Қайсар омад-ш рой,
Ҳаме хоҳад ин корро раҳнамой.

Чун ӯ нест ҷуз қайсаронро ҳамол,
Ҷавонест бо фарру бо бурзу ёл.

---

1. Л –б. 516 нест.
2. М – сабзаву.
3. М – Падид омад аз дашт.
4. ТПМ – Ба Ҳайшуй гуфт: «Омад он номдор,
   Ҳаворо нигар, пур зи гарди савор».
5. Л –б. 518, 519 нест.
6. Л –Падид омад аз дашт гурди савор.
7. ИЛ – марди.

www.sattor.com

Аз ӯ хост як духту посух шунид,
Кунун чораи дигар омад падид.

Ҳаме гӯядаш аждаҳогир бош,
Гар аз хешии Қайсар ожир бош.

Ба пеши гаронмоягон рӯзу шаб
Ба ҷуз номи Мирин надорад[1] ба лаб.

Ҳар он кас, ки ӯ ҳаст зебои тахт,
Бихоҳад, ки монад бад-ӯ ному бахт.

Яке бурзкӯҳ аст, аз эдар на дур,
Ҳама ҷои хӯрдан буду[2] кому сур.

Яке аждаҳо бар сари теғи кӯҳ,
Аз ӯ мардуми Рум яксар[3]*[4] сутӯҳ.

Ҳаме з-осмон каргас андаркашад,
Зи дарё наҳанги дижам баркашад.

Ҳаме дуду заҳраш бисӯзад замин,
Нахоҳад бад-он марз чарх офарин.*[5]

Гар ӯ кушта ояд ба дасти ту – бар,
Шигифтӣ шавад дар ҷаҳон сар ба сар.

Агар ёварат покяздон бувад,
Ба коми ту хуршед гардон шавад.

Бар ин бурзу болову ин зӯри даст*[6]
Кунӣ аждаҳоро ба шамшер паст».

Бад-ӯ гуфт: «Рав, ханҷаре кун дароз*[7]
Або даст болош чун панҷа боз.

1. И – наёрад.
2. Л –гаҳи.
3. И – Шуда марзу бум аз бади ӯ.
4. М – Шуда марзи Рум аз бади ӯ.
5. М – Надидаст ҳаргиз касе инчунин.
6. М – дастбурд.
7. М –Надонем ҳамтои ту ҳеч гурд.

www.sattor.com

Зи ҳар сӯш бар сони дандони мор
Синоне бар ӯ руста бар сони хор.[1]

Ҳаме об дода ба заҳр - андарун*[2]
Ба тезию рангоҳанаш обгун.

Яке бораву гурзу баргустувон
Паранд овару ҷомаи хусравон.

Ба фармони Яздону пирӯз бахт
Нагун андаровезамаш аз дарахт».

КУШТАНИ ГУШТОСП АЖДАҲОРО ВА ДОДАНИ ҚАЙСАР ДУХТАРИ ХУДРО БА АҲРАН

Бишуд Аҳрану ҳарчи Гуштосп хост,
Биёвард, чун корҳо гашт рост.

Зи дарё ба зин андаровард пой,
Бирафтанд ёрон-ш бо ӯ зи ҷой.

Чу Ҳайшуй кӯҳи Сақило бидид,
Ба ангушт бинмуду дам даркашид.

Чу хуршед барзад синон аз фароз,
Худу Аҳран аз роҳ гаштанд боз.

Ҷаҳонҷӯй дар пеши он кӯҳ буд,
Ки ороми он мори настӯҳ буд.

Ҷавон пеши зин андаровехт тарг,
Ба дил кард осон дами мору марг.

Ҳаме рафт Гуштосп то пеши кӯҳ,
Яке наъра зад, к-аждаҳо шуд сутӯҳ.

Чу он аждаҳо бурзи ӯро бидид,
Ба дам сӯи хешаш ҳаме даркашид.

---

1. Л –б. 538 нест.
2. М – заҳру ба хун.

www.sattor.com

Бар ӯ тир борид ҳамчун тагарг,
Чунон чун бирезад зи гулнор барг.*[1]

Чу танг андаромад бараш аждаҳо,
Ҳаме ҷуст марди ҷавон з-ӯ раҳо.

Сабук ханҷар андар даҳонаш ниҳод,
Зи додори некидиҳиш кард ёд.

Бизад тез дандон бар он ханҷараш,
Ҳама теғҳо шуд ба ком-андараш.

Ҳаме рехт з-ӯ заҳр, то гашт суст,
Ба заҳру ба хун кӯҳ яксар бишуст.

Ба шамшер бурд он замон даст шер,
Бизад бар сари аждаҳои далер.

Ҳаме рехт*[2] мағзаш бар он санги сахт,
Зи асп андаромад гави некбахт.

Биканд аждаҳоро*[3] ду дандон нахуст
В-аз он ҷо[4] биёмад, сару тан бишуст.

Хурӯшон биғалтид бар хок-бар
Ба пеши худованди пирӯзгар,

Ки ӯ додаш он дастгоҳи бузург
Бар он гургу он аждаҳои сутург.

Ҳаме гуфт: «Лӯҳроспу фаррух Зарир
Шуданд аз тану ҷони Гуштосп сер.

Ба равшан равону дилу зӯри пок,
Чунин аждаҳоро фикандам ба хок.[5]

1. М – Ҷавон пеши зин андаровехт тарг.
2. М – фурӯ рехт.
3. М – Аз даҳонаш.
4. ИМ – Пас он гаҳ.
5. Л – Ба базму ба разму ба гоҳи шароб
Ҳамоно набинанд моро ба хоб.

www.sattor.com

Ба ҷуз ранҷу сахтӣ набинам зи даҳр,
Пароканда бар ҷои тарёк заҳр.

Гарам[1] зиндагонӣ диҳад кирдгор,
Ки бинам яке[2] рӯи он шаҳрёр,[3]

Бигӯям, ки бар ман чӣ омад зи тахт,
Ҳаме тахт ҷустам, ки гум гашт бахт».

Пур аз об рух, борагӣ барнишаст
Ҳамон ханҷари обдода ба даст.

Чу наздики Ҳайшую Аҳран расид,
Ҳамон ёд кард он шигифтӣ, ки дид.

Бад-эшон чунин гуфт, к-«Ин аждаҳо
Бар ин ханҷари тез шуд бебаҳо.

Шумо аз дами аждаҳои бузург
Пур аз бим будед в-аз[4] кори гург.

Маро корзори диловар сарон,
Сарафроз бо гурзҳои гарон,

Басе сахт ояд зи ҷанги[5] наҳанг,
Ки аз жарфдарё барояд ба ҷанг.

Чунин аждаҳо ман басе дидаам,
Ки аз разми*[6] ӯ сар напечидаам».

Шуниданд Ҳайшую Аҳран сухан,
Аз он нав ба гуфтору донишкуҳан.

---

1. ИЛ – Магар.
2. Л – бинем мо.
3. ИЛ – пас аз б. 563 ин омада:
   Яке* чеҳри фаррух бародар Зарир,
   Бигӯям, ки гаштам ман аз кор** сер.
   * И – дигар. ** И –тоҷ.
4. И – гаштед аз.
5. Л – сахттар омад зи ҷанги.
6. М – ҷанги.

www.sattor.com

Ҳам андар замон он ду гарданфароз
Бирафтанду бурданд пешаш намоз.

Ба Гуштосп гуфтанд, к-«Эй наррашер,
Ки чун ту назояд зи модар далер,

Худои ҷаҳон мар туро бод ёр,
Ки моро зи зӯри ту шуд рост кор».[1]

Биёвард Аҳран басе хоста,
Гаронмоя аспони ороста.[2]

Яке теғ пазруфту аспе саманд,
Камоневу даҳ чӯба тиру каманд.

Ба Ҳайшуй дод он дигар, ҳарчӣ буд
Зи динор в-аз ҷомаи нобисуд.

Чунин гуфт Гуштосп бо саркашон
К-«Аз ин кас набояд, ки ёбад нишон.

На аз ман, ки нараждаҳо дидаам,
Ҳам овози он гург бишнидаам».

В-аз он ҷойгаҳ шоду хуррам бирафт,
Ба сӯи Катоюн хиромид тафт.

Бишуд Аҳрану гови гардун бибурд,
Тани аждаҳо кеҳтаронро супурд,

Ки «Инро ба даргоҳи Қайсар баред
Ба пеши бузургони лашкар баред».*[3]

Худ аз пеши говони гардун бирафт,
Ба наздики Қайсар хиромид тафт.[4]

1. И –б. 575 нест.
2. ЛМ – б. 575, 576 нест.
3. Л –б. 582 – 584 нест.
4. М –ниҳед.

www.sattor.com

Ба Рум-андарун огаҳӣ ёфтанд,
Ҷаҳондидагон тез[1] биштофтанд.[2]

Чу гов андаромад ба ҳомун зи кӯҳ,
Хурӯш омад андар миёни гурӯҳ.

Аз он захму он аждаҳои дижам,
К-аз ӯ буд бар гови гардун ситам,

Ҳаме омад аз чарх бонги чаков,
Ту гуфтӣ надорад ҳаме гов тов.

Ҳар он кас, ки он захми шамшер дид,
Хурӯшидани гови гардун шунид,

Ҳаме гуфт, к-ин захми оҳарман аст,
На шамшеру на ханҷари Аҳран аст.

Ҳамон гоҳ Қайсар зи айвон биронд,
Бузургону фарзонагонро бихонд.

Ба он аждаҳо-бар яке ҷашн кард
Зи шабгир, то шуд ҷаҳон лоҷвард.

Чу хуршед бинҳод бар чарх*[3] тоҷ,
Ба кирдори зар об шуд рӯи соҷ.

Фиристод Қайсар, суқуфро бихонд,
Бари хеш[4] бар тахти заррин нишонд.

Зи битриқ в-аз ҷосаликони шаҳр
Ҳар он кас, к-аш аз мардумӣ буд баҳр,

Ба пеши сакубо шуданд анҷуман
Ҷаҳондидаву[5] Қайсару ройзан.

---

1. И –пеш.
2. ТПЗМ – Бидиданд он аждаҳои бузург,
Ки афканда буд ин далери сутург.
3. М – тахт.
4. И –бипурсиду.
5. И –ҷаҳондида бо.

www.sattor.com

Ба Аҳран супурданд пас духтараш,
Ба дастурии меҳрубон модараш.

Аз айвон чу мардум пароканда шуд,
Дили номвар з-он сухан зинда шуд.

Чунин гуфт, к-«Имрӯз рӯзи ман аст,
Баланд осмон дилфурӯзи ман аст,

Ки ҳамчун ду домоди ман дар ҷаҳон
Набинад касе аз кеҳону меҳон».

Набиштанд нома ба ҳар меҳтаре,
Куҷо доштӣ тахт бо афсаре,

Ки нараждаҳо бо сарафроз гург
Табаҳ шуд ба дасти ду марди сутург.

ҲУНАР НАМУДАНИ ГУШТОСП ДАР МАЙДОН

Яке манзаре буд ба[1] айвони хеш,
Баровардa[2] чун тахти рахшони хеш.

Ба майдон шудандӣ ду домоди ӯй,
Биёростандӣ дили шоди ӯй.

Ба тиру ба чавгону захми синон
Ба ҳар донише гирд карда инон,

Ҳаме тохтандӣ чапу дасти рост,
Ту гуфтӣ саворӣ ба эшон сазост.[3]

---

1. И –пеши.
2. И – баровард.
3. И пас аз б. 606 ин б. омада:

Фиканда ба майдон - дарун пеши дар
Аз он гургу он аждаҳо ҳарду сар.
Бимонд андар он, ҳар кӣ онро бидид,
Ба додор з-он офарин густарид.
Ба зӯр инчунин сӯи майдон шуданд,
Ба оромишу гую чавгон шуданд.

www.sattor.com

Чунин то баромад бар ин рӯзгор
Биёмад Катоюни омӯзгор.

Ба Гуштосп гуфт: «Эй нишаста дижам,
Чӣ дорӣ ба андеша дилро ба ғам?

Ба Рум аз бузургон ду меҳтар буданд,
Ки бо тоҷу бо ганҷу афсар буданд.

Яке он ки нараждаҳоро бикушт,
Фаровон бало диду нанмуд пушт.

Дигар он ки бар гург бидрид пӯст,
Ҳама Рум яксар пуровои ӯст.

Ба майдони Қайсар ба нангу набард
Ҳамон б-осмон-андар оранд гард.

Назора шав он ҷо, ки Қайсар бувад,
Магар бар дилат ранҷ камтар бувад».

Бад-ӯ гуфт Гуштосп, к-«Эй хубчеҳр*[1]
Зи Қайсар маро кай бувад ёду меҳр?*[2]

Туро бо ман*[3] аз шаҳр берун кунад,
Чу бинад маро, мардумӣ чун кунад?

Валекин туро гар чунин аст рой,
Напечам зи рои ту, эй раҳнамой».

Бифармуд, то барниҳоданд зин
Бар аспе, ки андарнавардад замин.

Биёмад, ба майдони Қайсар расид,
Ҳаме буд, то захми чавгон бидид,

1. М – покзан.
2. М – Падар-т он сарафрози ҳар анҷуман.
3. М – у домод.

www.sattor.com

Аз эшон яке гӯю чавгон бихост,
Миёни саворон - дар андохт[1] рост.

Барангехт он борагиро зи ҷой,
Ялонро ҳама суст шуд дасту пой.

Ба майдон яке низ гӯяш надид,
Шуд аз захми ӯ дар ҳаво нопадид.

Саворон куҷо гӯи ӯ ёфтӣ,
Ба чавгонзадан ҳеч наштофтӣ.

Шуданд он замон[2] румиён*[3] зардруй,
Ҳама пок бо ғулғулу гуфтугӯй.

Камон баргирифтанду тири ҳаданг,
Бирафтанд чанде[4] саворони ҷанг.

Чу он дид, пас гурд Гуштосп гуфт,
Ки акнун ҳунарҳо набояд нуҳуфт.

Бияфканд чавгон, камон баргирифт,
Зеҳу тири ӯ даст бар сар гирифт.

Нигаҳ кард Қайсар бар он сарфароз
Бар он чангу ёлу рикеби дароз,

Бипурсиду гуфт: «Ин савор аз куҷост,
Ки чандин бупечад чапу дасти рост?

Сарафроз гурдон басе дидаам,
Саворе бад-ин гуна нашнидаам.[5]

Бихонед, то з-ӯ бипурсам, ки кист,
Фариштаст ё номҷӯй одамист».

1. Л – бияндохт; ИМ – барандохт.
2. И – он ҳама.
3. М – Саворон шуданд он замон.
4. И – чандин.
5. Л –б. 629 нест.

www.sattor.com

Бихонданд Гуштоспро пеши ӯй,
Бупечид ҷони бадандеши ӯй.

Ба Гуштосп гуфт: «Эй набарда савор,
Сари саркашон, афсари корзор,

Чӣ номат,[1] ба ман гӯй шаҳру наҷод?»
В-аро з-ин сухан ҳеч посух надод.

Чунин гуфт, к-«Ин хор, бегона мард,
Ки аз шаҳр Қайсар варо дур кард,

Чу домод гаштам, зи шаҳрам биронд,
Кас аз дафтараш номи ман барнахонд.

Зи Қайсар ситам бар Катоюн расид,
Ки марде ғариб аз ҷаҳон*[2] баргузид.

Нарафт андар он ҷуз ба оини хеш,
Аз он ростӣ хорӣ омад-ш пеш.

Ба беша - дарун он зиёнкор гург
Ба кӯҳ-андарун аждаҳои сутург,

Сароншон ба захми ман омад ба пой,
Бад-он кор Ҳайшуй буд раҳнамой,

Ки дандонҳошон ба хони ман аст,
Ҳамон захми ханҷар нишони ман аст.

За Ҳайшуй Қайсар бипурсад сухан,
Нав аст ин, нагаштаст кори куҳан».

Чу Ҳайшуй шуд пешу дандон бибурд,
Гузашта суханҳо бар ӯ баршумурд.

Ба пӯзиш биёрост Қайсар забон,
Бад-ӯ гуфт: «Бедод рафт, эй ҷавон.

1. Л –номӣ.
2. М – миён.

www.sattor.com

Кунун он гиромӣ Катоюн куҷост,
Маро гар ситамгора хонӣ, равост?»

Зи Мирину Аҳран барошуфту гуфт,
Ки «Ҳаргиз намонад сухан дар нуҳуфт».

Ҳамон гаҳ*[1] нишаст аз бари бодпой,
Ба пӯзиш биёмад бари покрой.[2]

Ба духтар чунин гуфт пас шаҳрёр,
Ки «Эй покпайванди беҳрӯзгор,

Туӣ дар ҷаҳон мар маро чашми рост,
Ба ҷуз ту дилам орзуе нахост.[3]

Бипурсӣ аз ин ҷуфту анбози хеш,
Магар бар ту пайдо кунад рози хеш,

Ки орому шаҳру нажодаш куҷост,
В-агарна нагӯяд ба мо гуфти рост».*[4]

Чунин дод посух,*[5] ки «Пурсидамаш
На бар домани ростӣ дидамаш.

---

1. М – Пас он гаҳ.
2. ТПЗ – Бифармуд Қайсар, ки ходим чиҳил,
Ҳама номбардор турки Чигил,
Ки то духтарашро ба ҷой оваранд,
Дар ин кор покиза рой оваранд.
Биёвард духтар ба айвони хеш,
Чу бишнохт ӯро ба паймони хеш.
3. Л – б. 647, 648 нест.
ТПЗМ – Ҳаме офарин кард фарзандро,
Суманбар нигори хирадмандро.
Бад-ӯ гуфт Қайсар, ки «Эй моҳрӯй,
Гузидӣ ту андархури хеш шӯй.
Ҳама дударо сар барафрохтӣ
Бад-ин хуб оҳан, ки барсохтӣ».
Катоюн чу дидаш, парасторваш
Биёмад бараш даст карда ба каш.
Бар ӯ офарин карду бурдаш намоз,
Замоне ҳаме гуфт бо хок роз.
4. М – б. 650 нест.
5. М – Бад-ӯ гуфт чандон.

www.sattor.com

Нагӯяд ҳаме пеши ман рози хеш
Ниҳон дорад аз ҳар кас овози хеш.

Зи ҳарч-аш бипурсам нагӯяд тамом,*[1]
Фарухзод гӯяд, ки ҳастам ба ном.

Гумонам, ки ҳаст аз нажоди бузург,
Ки пархошҷӯй асту марди сутург».

В-аз он ҷойгаҳ сӯи айвон гузашт,
Сипеҳр - андар ин низ чанде бигашт.

Чу Гуштосп бархост аз бомдод,
Сари пурхирад сӯи Қайсар ниҳод.

Чу Қайсар варо дид, хомуш бимонд,
Бар он номвар тахти заррин нишонд.

Камар хост аз ганҷу ангуштарӣ,
Яке афсари пургуҳар,[2] қайсарӣ,

Бибӯсиду пас бар сари ӯ ниҳод,
Зи кори гузашта ҳаме кард ёд.

Чунин гуфт: «Бо ҳар кӣ буд ёдгир.
Ки бедор бошед барнову пир.

Фарухзодро ҷумла фармон баред,
Зи гуфтору кирдори ӯ магзаред».

В-аз он огаҳӣ шуд ба ҳар кишваре,
Ба ҳар подшоҳеву ҳар меҳтаре.

НОМАИ ҚАЙСАР БА ИЛЁС ВА БОЖ ХОСТАН АЗ Ӯ

Ба Қайсар Хазар буд наздиктар
В-аз эшон будаш рӯз ториктар.

1. М – Ки орому шаҳру нажодам кадом.
2. ИМ – номвар.

www.sattor.com

Ба марзи Хазар меҳтар Илёс буд,
Ки пури ҷаҳондида Меҳрос буд.

Ба Илёс Қайсар яке нома кард,
Ту гуфтӣ, ки хун бар сари хома кард.

Ки чанде ба афсӯс хӯрдӣ Хазар,
Кунун рӯзи шодит омад*[1] ба сар.

Кунун сов бифристу божи гарон,
Гаравгон аз он марз чандон[2] сарон.

Вагарна Фарухзод чун пили маст
Биёяд, кунад рӯи кишвар чу даст».

Чу Илёс бархонд он номаро,
Ба захр об барзад сари хомаро.

Чунин дод посух, ки «Чандин ҳунар
Набудӣ ба Рум - андарун пештар.

Агар ман нахоҳам ҳаме божи Рум,
Шумо шод бошед аз он марзу бум.

Чунин дил гирифтед аз ин як савор,
Ки назди шумо ёфт ӯ зинҳор.

Чунон дон, ки ӯ доми оҳарман аст
В-агар кӯҳи оҳан, ҳамон як тан аст.

Ту ӯро бад-ин ҷанг ранҷа макун,
Ки ман бо дарозӣ намонам сухун».[3]

Сухан чун ба Мирину Аҳран расид,
Зи Илёсу он дом, к-ӯ густарид,

1. М – осоиш.
2. И –чанде.
3. ТПЗ – Фиристода баргашт монанди бод,
Паёмаш саросар ба Қайсар бидод.
Бупечид Қайсар зи гуфтори ӯ,
Барошуфту бишкаст бозори ӯ.

www.sattor.com

Фиристод Мирин ба Қайсар паём,
Ки «Ин аждаҳо нест, к-ояд ба дом.

На гург аст, к-аз чора бечон шавад
В-аз олудани заҳр печон шавад.

Чу Илёс дар ҷанг хашм оварад,
Ҷаҳонҷӯйро хун ба чашм оварад.

Нигаҳ кун кунун, к-он сазовор мард
Аз ӯ чанд печад ба дашти набард».

Ғамӣ гашт Қайсар зи гуфторашон,
Бипажмурд аз он тирабозорашон.[1]

Фарухзодро гуфт: «Пурмояӣ,
Сари Румро ҳамчу пероянӣ.

Чунон дон, ки Илёс шеравжан аст,
Ки аспафкану*[2] пили рӯинтан аст.

Агар тов дорӣ ба ҷангаш, бигӯй,
Ба кажжӣ маҷӯй андар ин обрӯй.

Агар ҷанги ӯро надорӣ ту пой,
Бисозем бо ӯ яке хуб рой.

Ба чарбӣ зи раҳ бозгардонамаш,
Сухан бо хазина барафшонамаш».

Бад-ӯ гуфт Гуштосп, к-«Ин ҷустуҷӯй
Чаро бояду ин ҳама гуфтугӯй?

Чу ман бора андар нишонам ба хок,
Надорам зи марзи Хазар ҳеч бок.

Валекин набояд, ки рӯзи набард
Зи Мирину Аҳран бувад ёдкард,

1. И –б. 680 нест.
2. М – у хашмовару.

www.sattor.com

Ки эшон ба разм - андарун душманӣ
Бароранду кажживу оҳарманӣ.

Чу лашкар биёяд зи марзи Хазар,
Нигаҳбони ман бош бо як писар.

Ба неруи пирӯзгар як Худой
Чу ман бо сипоҳ андароям зи ҷой,

На Илёс монам, на бо ӯ сипоҳ,
На чандон бузургиву тахту кулоҳ.

Камарбанд гирамшу аз пушти зин
Ба абр андарорам, занам бар замин».

Дигар рӯз чун бардамид офтоб
Чу зарринсипар менамуд андар об.

Зи сӯи*[1] Хазар нои рӯин бихост,
Ҳаме гард бар шуд ба хуршед рост.

Сарафроз Қайсар ба Гуштосп гуфт,
Ки «Акнун ҷудо кун сипоҳ аз нуҳуфт».

Чу Гуштосп аз шаҳр*[2] берун кашид.
Гавону*[3] ялонро ба ҳомун кашид.*[4]

Ҳаме рафт бо гурзаи говсор
Чу сарви баланд аз лаби ҷӯйбор.

Ҳаме ҷуст бар дашт ҷои набард,
Зи ҳомун ба абр андаровард гард.

Чу Илёс дид он бару ёли ӯй,
Чунон гардиши гурзу[5] гӯполи ӯй,

1. М – рӯи.
2. М – рум.
3. М – сипоҳу.
4. М – бидид.
5. И – гардишу чангу.

www.sattor.com

Саворе фиристод наздики ӯй,
Ки бифребад он рои борики ӯй.[1]

Биёмад бад-ӯ гуфт, к-«Эй сарфароз,
Зи Қайсар бад-ин сон ту чандин маноз.

К-аз ин лашкар акнун савораш туӣ,
Баҳораш туӣ, номдораш туӣ.

Ба як сӯ гирояд миёни ду саф,
Чӣ дорӣ чунин бар лаб оварда каф,

Ки Илёс шер аст, рӯзи набард
Ба абр[2] андарорад ба шамшер гард.

Агар ҳадя хоҳӣ, варо ганҷ ҳаст,
Масой аз паи чиз бо ранҷ даст.

Зи гетӣ гузин кун яке баҳрае,
Ту бошӣ дар он баҳра - дар шӯҳрае.

Ҳамат ёр бошам, ҳамат кеҳтарам,
Ки ҳаргиз зи паймони ту нагзарам».

Бад-ӯ гуфт Гуштосп, к-«Ин сард гашт,
Суханҳо зи андоза андаргузашт.

Ту кардӣ бад-ин доварӣ даст пеш,
Кунун бозгаштӣ зи гуфтори хеш.

Сухан гуфтан акнун наёяд ба кор
Гаҳи ҷангу овезиши корзор».

Фиристода баргашту омад чу бод,
Ҳаме кард посух ба Илёс ёд.

1. Л – Пурандеша шуд марди корозмой
Фиристод пинҳон яке хуброй.
2. Л – Падид.

www.sattor.com

Чу хуршед шуд бар сари кӯҳ зард,
Намонд он замон рӯзгори набард.

Шаб омад, яке пардаи обнус
Бипӯшид бар чеҳраи сандарус.

РАЗМИ ГУШТОСП БО ИЛЁС ВА КУШТА ШУДАНИ ИЛЁС

Чу хуршед аз парда огоҳ шуд,
Зи бурҷи камон бар сари гоҳ шуд.

Бибуд кишвари Рум чун сандарус,
Зи ҳар сӯ баромад дами ною*[1] кӯс.

Чакочок бархост аз ҳарду рӯй,
Зи хун шуд ҳама размгаҳ ҳамчу ҷӯй.

Биёмад сабук Қайсар аз маймана,
Ду домодро кард пеши буна.

Абар майсара пури Қайсар Сақил,
Абар маймана Қайсару кӯсу пил.

Деҳодеҳ баромад зи ҳар ду сипоҳ,
Ту гуфтӣ баровехт бо шед моҳ.

Бичунбид Гуштосп аз*[2] пеши саф,
Наҳанге ба зер, аждаҳое ба каф.

Чунин гуфт Илёс бо анҷуман,
Ки «Қайсар аз он бож хоҳад зи ман,

Ки бар дар чунин аждаҳо бошадаш,
Азеро чунин ройҳо оядаш».

Чу Гуштосп Илёсро дид, гуфт,
Ки «Акнун ҳунарҳо набояд нуҳуфт».

1. М – бӯқу.
2. М – бар.

www.sattor.com

Барангехтанд асп ҳарду савор
Або найзаву тири ҷавшангузор.

Чу аз тир Илёс букшод даст,[1]
Ки Гуштосп аз он хаста гардад, нахаст.[2]

Бизад найза Гуштосп бар ҷавшанаш,
Бихаст он замон корзорӣ танаш.[3]

Бияфкандаш аз асп бар сони маст,
Биёзиду бигрифт дасташ ба даст.

Зи пеши саворон кашонаш бибурд,
Чу танг андаромад, ба Қайсар супурд.

Биёвард лашкар ба пеши сипоҳ
Ба кирдори бод андаромад зи роҳ.

Зи эшон чи моя бикушту гирифт,
Ҷаҳоне бад-ӯ монда андар шигифт.

Чу румӣ пас - андар ҳамовоз гашт,
Нигаҳ кард Гуштосп худ бозгашт.

Бари Қайсар омад сипаҳ тохта,
Ба пирӯзиву гардан афрохта.

Чу Қайсар бидидаш, ки омад зи роҳ,
Зи шодӣ пазира[4] шудаш бо сипоҳ.

Сару чашми он номвар бӯса дод,
Ҷаҳонофаринро басе кард ёд.

В-аз он ҷойгаҳ бозгаштанд шод,
Сипаҳбад кулоҳи меҳӣ[5] барниҳод.

1. Л –бугзашт шаст.
2. Л – гардонад аз захм паст.
3. И –б. 726 – 727 нест.
4. Л –пиёда.
5. Л –кай.

www.sattor.com

Ҳама Рум бо ҳадяву бо нисор
Бирафтанд шодон бари шаҳрёр.[1]

БОЖИ ЭРОН ХОСТАНИ ҚАЙСАР АЗ ЛӮҲРОСП

Бар ин низ бугзашт чанде сипеҳр
Ба дил-дар ҳаме дошт, нанмуд чеҳр.

Ба Гуштосп Қайсар чунин гуфт боз,[2]
Ки «Эй номвар меҳтари сарфароз,[3]

Барандеш бо ин сухан дар хирад,
Ки андеша аз ин сухан нагзарад.

Ба Эрон фиристам фиристодае
Ҷаҳондидае пок, озодае.

Ба Лӯҳросп гӯяд, ки ними ҷаҳон
Ту дорӣ ба орому*[4] ганҷи меҳон.

Агар бож бифристӣ аз марзи хеш,
Бубинӣ сари мояву арзи хеш.

Вагарна сипоҳе фиристам зи*[5] Рум,
Ки аз наъл пайдо набинӣ ту бум».

Чунин гуфт Гуштосп, к-«Ин рои туст
Замона ба зери кафи пои туст».

Яке номвар буд Қолус ном,
Хирадманду бодонишу рою ком.

---

1. ТПЗМ – Ҷаҳоне ба озин биёростанд,
Маю руду ромишгарон хостанд,
Чунин аст оини гарданда даҳр,
К-аз ӯ нӯш ёбӣ гаҳе, гоҳ заҳр.
2. И – гуфт он гаҳе ном ҷӯй.
3. И – то зиндаам, з-ин ҷаҳон ком ҷӯй.
4. М – Ба шодӣ ту дориву.
5. М – фиристам саворони.

www.sattor.com

Бихонд он хирадмандро номдор,
К-аз эдар бирав то дари шаҳрёр,

Бигӯяш, ки гар божи Эрон диҳӣ,
Ба фармон гироиву гардан ниҳӣ,

Ба Эрон бимонам ба ту тоҷу тахт,
Ҷаҳондор бошиву пирӯзбахт.

Вагарна ҳам акнун*[1] сипоҳи гарон
Ҳам аз Рум в-аз дашти найзаварон,

Нигаҳ кун, ки бархезад аз дашт ғав,
Фарухзоди пирӯзашон пешрав.

Ҳама буматон пок вайрон кунам,
Куноми палангону шерон кунам.

Фиристода омад ба кирдори бод,
Сараш пурхирад буду дил пур зи дод.

Чу омад ба наздики шоҳи бузург,
Бидид он дару боргоҳи сутург.

Чу*[2] огоҳӣ омад ба солори бор,
Хиромон биёмад бари шаҳрёр,

Ки «Пири ҷаҳондидае бар дар аст,
Ҳамоно фиристодаи Қайсар аст.

Саворест бо ӯ басе найзадор*[3],
Ҳаме бор ҷӯяд бари шаҳрёр».

Чу бишнид, биншаст бар тахти оҷ,
Ба сар барниҳод он дилорой тоҷ.

1. М – манам.
2. М – Пас.
3. М – номдор.

www.sattor.com

Бузургони Эрон ҳама зери тахт
Нишастанд шодондилу некбахт.

Бифармуд то парда бардоштанд,
Фиристодаро шод бугзоштанд.

Чу омад ба наздики тахташ фароз,
Бар ӯ офарин карду бурдаш намоз.

Паёми гаронмоя Қайсар бидод,
Фиристода худ бо хирад буду дод.

Ғамӣ шуд зи гуфтори ӯ шаҳрёр,
Барошуфт бо гардиши рӯзгор.

Гаронмоя ҷое биёростанд,
Маю руду ромишгарон хостанд.

Фиристод зарбафти густарданӣ
Зи пӯшиданиҳову аз[1] х(в)арданӣ.[2]

Шаб омад, ба андеша печон бихуфт,
Ту гуфтӣ, ки бо дарду ғам буд ҷуфт.

Чу хуршед бар тахти заррин нишаст,
Шаби тира рухро ба нохун бихаст.[3]

Бифармуд, то рафт пешаш Зарир,
Сухан гуфт ҳар гуна бо шоҳ дер.

Ба шабгир Қолусро пеш хонд,
Зи Қайсар фаровон суханҳо биронд.

Зи бегона айвон бипардохтанд,
Фиристодаро пеш биншохтанд.

1. Л –ҳам.
2. ИЛМ – Бад-он гуна бинвохт ӯро ба базм
Ту гуфтӣ, ки нашнид пайғоми разм.
3. Л – б. 767 нест.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт Лӯҳросп, к-«Эй пурхирад,
Мабодо, ки ҷон ҷуз хирад парварад.

Бипурсам туро рост посух гузор,
Агар бихрадӣ, коми кажжӣ махор.

Набуд ин ҳунарҳо ба Рум - андарун
Будӣ Қайсар аз дасти шоҳон забун.

Кунун ӯ ба ҳар кишваре божхоҳ
Фиристоду хоҳад ҳаме тахту[1] гоҳ

Чу Илёсро, к-ӯ ба марзи Хазар
Гаве буд бо фарру пархошхар,

Бигирад, бубандад ҳаме бо сипоҳ
Бад-ин номҷустан кӣ бинмуд роҳ?»

Фиристода гуфт: «Эй хирадманд шоҳ,
Ба марзи Хазар ман шудам божхоҳ.

Ба пайғамбарӣ ранҷ бурдам басе,
Напурсид аз ин бора аз ман касе.

Валекин маро шоҳ чандон навохт,
Ки гардан ба кажжӣ набояд фарохт.

Саворе ба наздики ӯ*[2] омадаст,
Ки аз бешаҳо шер гирад ба даст.*[3]

Ба мардон бихандад ҳаме рӯзи разм,
Ҳама ҷом хоҳад ба ҳангоми базм.

Ба разму ба базму ба рӯзи шикор
Ҷаҳонбин надидаст чун ӯ савор.

---

1. Л –Фиристоду бар гоҳ бинҳод.
2. М – наздаш далер.
3. М – шергир омадаст.

www.sattor.com

Бад-ӯ дод пурмоятар[1] духтараш,
Ки будӣ гиромитар аз афсараш.

Нишонӣ шудаст ӯ*[2] ба Рум - андарун,
Ки нараждаҳо шуд ба ҷангаш забун.

Яке гурги дигар чу пиле ба дашт,
Ки Қайсар наёраст аз он сӯ гузашт,

Бияфканду дандони ӯро биканд,
В-аз ӯ кишвари Рум шуд бегазанд».

Бад-ӯ гуфт Лӯҳросп, к-Эй ростгӯй,
Киро монад он марди пархошҷӯй?»

Чунин дод посух, ки боре нахуст
Ба чеҳри[3] Зарир аст гӯӣ дуруст.

Ба болову дидору фарҳангу рой
Зарири далер аст гӯӣ ба ҷой».

Чу бишнид Лӯҳросп, букшод чеҳр,
Бад-он марди румӣ бигустард меҳр.

Фаровон варо бадраву барда дод,
Зи даргоҳ баргашт пирӯзу шод.

Бад-ӯ гуфт: «Акнун ба Қайсар бигӯй,
Ки ман бо сипоҳ омадам ҷангҷӯй».

БУРДАНИ ЗАРИР ПАЙҒОМИ ЛӮҲРОСП БА ҚАЙСАР

Пурандеша биншаст Лӯҳросп дер,
Бифармуд, то пеши ӯ шуд Зарир.

1. И – пурмоя пас.
2. М – шудаст ӯ фасона.
3. И –чеҳра.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт, к-«Ин ҷуз бародар-т нест,
Бад-ин чора биштобу эдар маист.

Диранг оварӣ, кор гардад табоҳ,
Маёсою аспи дирангӣ маҳоҳ.

Бубар тахту болову зарринакафш,
Ҳамон тоҷ бо коваёнӣ дурафш.

Ман ин подшоҳӣ мар ӯро диҳам,
На з-ин бар сараш бар сипоҳе ниҳам.

Ту з-эдар бирав то Ҳалаб чораҷӯй,
Сипаҳро ҷуз аз ҷанг чизе магӯй».[1]

Зарири ситуда ба Лӯҳросп гуфт,
Ки «Ин роз берун кунам аз нуҳуфт.

Гар ӯй аст фармонбару[2] меҳтар аст,
Варо, ҳар кӣ меҳтар бувад, кеҳтар аст»,

Бигуфт ин суханрову барсохт кор,
Гузида яке лашкари номдор.[3]

Набера бузургону озодагон,
Зи Ковусу Гударзи Кашводагон,

Зи тухми Зарасп он ки буданд низ
Чу Баҳроми шеравжану Ревниз,

Набера сарафроз Геви далер,
Ҷаҳонгир Ширӯяву Ардашер,

Ду шери гаронмоя Бежаннажод,
Ду гурди сарфрозу ду покзод.[4]

---

1. И –пас аз б. 799 ин б. омада:
Ки ӯро худ аз фарри Яздон сазид.
Аз оғоз ин тоҷ ӯро расид.
2. Л – асту фармон барад.
3. И –б. 802 нест.
4. ИЛ –б. 805. 806 нест.

www.sattor.com

Ҳаме рафт ҳар меҳтаре бо ду асп
Фурӯзон ба кирдори озаргушасп.

Наёсуд кас то ба марзи Ҳалаб
Ҷаҳон шуд пур аз шӯри санҷу ҷалаб.[1]

Дурафши Ҳумоюн барафрохтанд,
Саропардаву хаймаҳо сохтанд.

Зарири сипаҳбад сипаҳро бимонд
Ба Баҳроми гарданкашу худ биронд.

Ба сони касе*[2] к-ӯ паёме барад
Ва ё назди шоҳон хироме барад.

Аз он вижагон панҷ танро бибурд,
Ки буданд бомағзу ҳушёру гурд.

Чу наздики даргоҳи Қайсар расид,
Зи даргоҳ солори бораш бидид,

Ба кох - андарун буд Қайсар дижам,
Хирадманд Гуштосп бо ӯ ба ҳам.

Чу Қайсар шунид ин сухан, бор дод,
Аз он омадан гашт Гуштосп шод.

Зарир андаромад чу садри баланд,
Нишаст аз бари тахт он арҷманд.

Зи Қайсар бипурсиду пӯзиш гирифт,
Бар он румиён-бар фурӯзиш гирифт.

Бад-ӯ гуфт Қайсар: «Фарухзодро
Напурсӣ, надорӣ ба дил додро».

Ба Қайсар чунин гуфт фаррух Зарир,
Ки «Ин банда аз бандагӣ гашт сер.

1. Л – пур аз шӯру ҷангу шағаб.
2. М – Яке.

www.sattor.com

Гурезон биёмад зи даргоҳи шоҳ
Кунун ёфтаст андар ин пойгоҳ».[1]

Чу Гуштосп бишнид, посух надод,
Ҳамоно биёмад-ш Эрон ба*[2] ёд.

Чу Қайсар шунид ин сухан з-он ҷавон
Пурандеша шуд марди равшанравон,

Ки шояд будан, к-ин сухангӯ бигуфт,
Ба ҷуз ростӣ нест андар нуҳуфт.*[3]

Ба Қайсар зи Лӯҳросп пайғом дод,
Ки гар додгар сар бупечад зи дод,

Нишастангаҳи ман[4] ба Рум аст бас,
Ба Эрон намонем бисёр кас.

Ту з-эдар бирав, гӯ биёрой ҷанг,
Сухан чун шунидӣ, набояд диранг.

На Эрон Хазар гашту Илёс ман,
Ки сар баркашидӣ ту з-он анҷуман.

Чунин дод посух, ки «Ман ҷангро
Биёзам ҳаме ҳар замон чангро.

Ту акнун фиристодаӣ бозгард,
Бисозем мо низ ҷои набард».

Зи Қайсар ту бишнид фаррух Зарир,
Ғамӣ шуд, зи посух наёсуд[5]*[6] дер.

---

1. ТПЗИМ – Наёбад ба ҳар ҷой оромгоҳ,
   Агар ту бипечӣ аз он расму роҳ.
2. М – Биёмад аз Эронш.
3. М – Пас аз б. 823 ин б. омада:
   Пас он гоҳ гуфт: «Эй фиристода мард,
   Биёвар, чӣ дорӣ зи гарму зи сард.
4. ИЛ – аз ин пас нишастам.
5. Л –битобид.
6. М – натобид.

www.sattor.com

БОЗРАФТАНИ ГУШТОСП БО ЗАРИР БА ЭРОНЗАМИН ВА ДОДАНИ ЛӮҲРОСП ТАХТИ ЭРОН ӮРО

Чу бархост Қайсар, ба Гуштосп гуфт,
Ки «Посух чаро мондӣ андар нуҳуфт?»

Бад-ӯ гуфт Гуштосп: «Ман пеш аз ин,
Ки будам*[1] бари шоҳи Эронзамин,

Ҳама лашкари шоҳу он анҷуман
Ҳама огаҳанд аз ҳунарҳои ман.

Ҳамон беҳ, ки ман сӯи эшон шавам,
Бигӯям, ҳаме гуфтаҳо бишнавам.

Барорам аз эшон ҳама коми ту,
Дурафшон кунам дар ҷаҳон номи ту».

Бад-ӯ гуфт Қайсар: «Ту донотарӣ,
Бар ин орзуҳо тавонотарӣ».

Чу бишнид Гуштосп гуфтори ӯй,
Нишаст аз бари бораи роҳҷӯй.

Биёмад ба назди бародар[2] Зарир
Ба сар афсару бодпое ба зер.

Чу лашкар бидиданд Гуштоспро
Сарафрозтар пури*[3] Лӯҳроспро,

Пиёда ҳама пеши ӯ омаданд,
Пур аз дарду пуроб рӯ омаданд.

Ҳама пок бурданд пешаш намоз,
Ки кӯтоҳ шуд ранҷҳои дароз.

Ҳамон гаҳ биёмад ба пеши Зарир,
Пиёда бибуду шуд аз ранҷ сер.

---

1. М – Бубидам.
2. И –ҷои нишасти.
3. М – Сарафроз фарзанди.

www.sattor.com

Гиромишро танг дар бар гирифт,
Чу букшод лаб, пӯзиш андаргирифт.

Нишастанд бар тахт бо меҳтарон,
Бузургони Эрону кундоварон.

Зарири ҳуҷаста[1] ба Гуштосп гуфт,
Ки «Бодӣ ҳама сол бо тахт ҷуфт.

Падар пирасар шуд, ту барнодилӣ,
Зи дидори пирон чаро бугсилӣ?

Ба пирӣ бар он тахт бирён шудаст,
Парастандаи покяздон шудаст.

Фиристод наздики ту тоҷу ганҷ,
Сазад, гар надорӣ кунун тан ба ранҷ.

Чунин гуфт, к-Эрон саросар туруст,
Сари тахт бо тоҷу лашкар[2] туруст.

Зи гетӣ яке кунҷ моро бас аст,
Ки тахти меҳиро ҷуз аз мо кас аст».

Бародар биёвард пурмоя тоҷ,
Ҳамон ёраву тавқ бо тахти оҷ

Чу Гуштосп тахти падар дид, шод
Нишаст аз бараш тоҷ бар сар ниҳод.

Набера ҷаҳондор Ковуси Кай
Зи гударзиён ҳар кӣ буд некпой.

Чу Баҳрому Шаҳпуру чун[3] Ревниз
Касе к-ӯ сарафроз буданд низ.

1. И – сипаҳбад.
2. Л –тоҷу афсар.
3. И –чун Соваи.

www.sattor.com

Сипаҳдорашон Ардашери далер
Ки буд пури Бежан гави шергир.[1]

Ба шоҳӣ бар ӯ офарин хонданд,
Варо шаҳрёри замин[2] хонданд.

Бибуданд бар пой баста камар
Ҳар он кас, ки буданд пархошхвар.

Чу Гуштосп дид он дилу рою ком,
Фиристод наздики Қайсар паём.

К-«Аз Эрон ҳама кори ту рост гашт,
Суханҳо зи андоза андаргузашт.

Ҳаме чашм дорад Зариру сипоҳ,
Ки ой ту танҳо бар ин базмгоҳ.[3]

Ҳама сар ба сар бо ту паймон кунем,[4]
Равонҳо ба меҳрат гаравгон кунем.[5]

Гарат ранҷ н-ояд хиромӣ ба дашт,
Ки кори замона ба коми ту[6] гашт».

Фиристода чун назди Қайсар расид,
Ба Қайсар бигуфт, он чи диду шунид.[7]

Ҳамон гаҳ нишаст аз бари бодпой,
Чу боди хазон андаромад зи ҷой.[8]

---

1. ИЛМ – б. 855 нест.
2. ИЛ – гузин.
3. И – боргоҳ.
4. ИЛ – кунад.
5. ИЛ – кунанд.
6. Л – дигаргуна.
7. ТПЗ – Бигуфт, он чӣ пайғоми Гуштосп буд,
Ки он меҳтарин пури Лӯҳросп буд.
Бибуд шод Қайсар зи гуфтори ӯ,
Чу гул баршукуфт он ду рухсори ӯ.
8. Л – б. 864 нест.

www.sattor.com

Ҳаме ронд, то назди эшон расид,
Ба назди далерони Эрон расид.[1]

Чу Гуштоспро дид бар тахти оҷ,
Ниҳода ба сар-бар зи пирӯза тоҷ,[2]

Биёмад, варо танг дар бар гирифт,
Суханҳои дерина андаргирифт.

Бидонист Қайсар, ки Гуштосп ӯст,
Фурӯзандаи тахти Луҳросп ӯст.

Фаровон-ш бистуду бурдаш намоз
В-аз он ҷо сӯи тахт рафтанд боз.

В-аз он кардаи хеш пӯзиш гирифт,
Бупечид аз ин рӯзгори шигифт.

Пазируфт гуфтори ӯ шаҳрёр,
Ҳамон гаҳ гирифташ сар андар канор.

Бад-ӯ гуфт: Чун тира гардад ҳаво,
Фурӯзидани шамъ бошад раво.

Бари мо фирист он ки моро гузид,
Ки ӯ дарду ранҷи фаровон кашид.

Бишуд Қайсару ранҷу ташвир бурд,
Басе низ бар хӯи бад баршумурд.

Ба сӯи Катоюн фиристод ганҷ,
Яке афсари сурху ёқут панҷ.

Ғулому парастори румӣ ҳазор,
Яке тавқи пургавҳари шоҳвор.

1. Л – Далерону шерон.
2. ИЛ – Варо дид Гуштосп, бар пой хост,
Зи фармонбарон зуд болой хост.

www.sattor.com

Зи дебои румӣ[1] шутурвор панҷ,
Яке файласуфе нигаҳбони ганҷ.[2]

Фиристода[3] наздики Гуштосп бурд,
Якояк ба ганҷури ӯ баршумурд.

Силеҳу дирам дод лашкар-шро,
Ҳамон номдорони кишвар-шро.

Ҳар он кас, ки буд ӯ зи тухми бузург*[4]
В-агар теғзан номдори сутург,

Якояк саронро ҳама ҳадя дод,*[5]
Дари ганҷҳоро ҳама баркушод.[6]

Або ин басе офарин густарид,
Бар он, к-ӯ замону замин офарид.

Катоюн чу омад ба наздики шоҳ,
Ғави кӯс бархост аз боргоҳ.

Сипаҳ сӯи Эрон бирафтан гирифт,
Ҳаво гарди аспон нуҳуфтан гирифт.

Чу Қайсар ду манзил биёмад ба роҳ,
Инони таковар бупечид шоҳ.

Ба савганд аз он марз баргошташ,
Ба хоҳиш сӯи Рум бугзошташ.

---

1. ЛМ – Чинӣ.
*3 М – пас аз б. 880 ин б. омада:
Фиристод Қайсар-ш ҳадя басе,
Намондаш, ки бебаҳра монад касе.
2. ТПЗИМ – Зи аспони тозиву баргустувон,
Зи хафтону аз ҷомаи ҳиндувон,
Зи динору дебову тоҷу нигин,
Зи ҳар чиз, к-оранд аз Руму Чин.
3. Л – Ҳамон гоҳ.
4. М – Каён.
5. М – саркаше паҳлавон.
6. ИЛМ – б. 881 нест.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт: «То зиндаам, божи Рум
Нахоҳам, ки шодам бад-он марзу бум».

Ҳаме ронд то сӯи Эрон расид,
Ба наздики шоҳи далерон расид.

Чу Лӯҳросп бишнид, к-омад Зарир
Бародар-ш Гуштосп он наррашер,

Пазира шудаш бо[1] ҳама меҳтарон,
Бузургони Эрону кундоварон.*[2]

Фуруд омад аз асп Гуштосп зуд
Бар ӯ офарин карду шодӣ намуд.

Чу дидаш, писарро ба бар даргирифт,
Зи ҷаври фалак даст бар сар гирифт,

Зи раҳ чун ба айвони шоҳӣ шуданд,
Чу хуршед дар бурҷи моҳӣ шуданд.

Бад-ӯ гуфт Лӯҳросп: «Аз ман мабин,
Чунин буд рои ҷаҳонофарин.[3]

Набишта чунин буд магар*[4] бар сарат,
Ки пардахта монад зи ту кишаварат».

Бибӯсид тоҷаш ба сар барниҳод,
Ҳаме офарин карду з-ӯ гашт[5] шод.

Бад-ӯ гуфт Гуштосп, к-«Эй шаҳрёр,
Мабинод бе ту маро*[6] рӯзгор.

1. И – шудандаш.
*1 М – шаҳри ялону.
*3 М – ҷаври.
2. М – номоварон.
3. И –б. б. 893, 894 нест.
4. М – ҳаме.
5. Л –кард пирӯзу.
6. М – Абе ту мабинод кас.

www.sattor.com

Туӣ шаҳрёру манат*[1] кеҳтарам,
Сари бахти душман ҳаме*[2] биспарам.

Ҳама нек бодо саранҷоми ту,
Мабодо, ки бошем бе номи ту,

Ки гетӣ намонад ҳаме бар касе
Чу монад, ба тан ранҷ ёбад басе».

Чунин аст кайҳони нопойдор,
Дар ӯ тухми бад, то тавонӣ, макор.

Яке рӯз мард орзуманди нон,
Дигар рӯз бар кишваре марзбон.

Ҳаме хоҳам аз додгар як Худой,
Ки чандон бимонам ба гетӣ ба ҷой,

Ки ин номаи шаҳрёрони пеш
Бипайвандам аз хубгуфтори хеш.

Аз он пас тани номвар хокрост,
Сухан гӯй ҷон маъдани покрост!

---
1. М – Чу меҳтар кунӣ, ман туро.
2. М – Бикӯшам, ки гарди туро.

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ ГУШТОСП

Саду бист сол буд

БА ХОБ ДИДАНИ ФИРДАВСӢ ДАҚИҚИРО

Чунон дид гӯянда як шаб ба хоб,
Ки як ҷоми май доштӣ чун гулоб,

Дақиқӣ зи ҷое падид омадӣ,
Бар он ҷоми май достонҳо задӣ.

Ба Фирдавсӣ овоз додӣ, ки май
Махур ҷуз ба оини Ковуси кай,

Ки шоҳе гузидӣ ба гетӣ, ки бахт
Бад- ӯ нозаду тоҷу дайҳиму тахт.

Шаҳаншоҳ Маҳмуди гирандашаҳр,
Зи ганҷаш[1]*[2] ба ҳар кас расонида баҳр.

Аз имрӯз то соли ҳаштоду панҷ,
Бикоҳад-ш ранҷу биболад-ш ганҷ.

В-аз он пас ба Чин андарорад сипоҳ,
Ҳама меҳтарон баркушоянд роҳ.

Набояд-ш гуфтан касеро дурушт,
Ҳама тоҷи шоҳонаш ояд ба мушт.

Бад-ин нома арчанд биштофтӣ,
Кунун ҳар чӣ ҷустӣ, ҳама ёфтӣ.

Аз ин бора ман пеш гуфтам сухун,
Агар боз ёбӣ,[3] бахилӣ макун.

Зи Гуштоспв-Арҷосп байте ҳазор
Бигуфтам, саромад маро рӯзгор.

1. Л – гетӣ.
2. М – шоҳӣ.
3. И – ту биёбӣ.

www.sattor.com

Гар он моя назди шаҳаншаҳ расад,
Равони ман аз хок бар маҳ расад.[1]

Кунун ман бигӯям сухан к-ӯ бигуфт,
Манам зинда, ӯ гашта бо хок ҷуфт.

БА БАЛХ РАФТАНИ ЛӮҲРОСП ВА БАР ТАХТ НИШАСТАНИ ГУШТОСП

Чу Гуштоспро дод Лӯҳросп тахт,
Фуруд омад аз тахту барбаст рахт.

Ба Балхи гузин шуд бар он навбаҳор,
Ки яздонпарастон*[2] буд он рӯзгор.

Мар он хонаро доштандӣ чунон,
Ки мар Маккаро тозиён ин замон.

Бад-он хона шуд шоҳи яздонпараст,
Фуруд омад он ҷову ҳайкал бубаст.

Бубаст он дари б-офаринхонаро,
Наҳишт андар он хона бегонаро.

Бипӯшид ҷома, парастишпалос,
Хирадро бар ин гуна бояд сипос.

Бияфканд ёра, фурӯ ҳишт мӯй,
Сӯи довари додгар кард рӯй.

Ҳаме буд сӣ сол пешаш ба пой,
Бад-ин сон парастид бояд Худой.

Ниёиш ҳаме кард хуршедро,
Чунон чун ки буд роҳ Ҷамшедро.

1. ТПЗ – Пазируфтам он гуфти ӯро ба хоб,
Ба хубиву нармиш додам ҷавоб,
Ки ман ҳам ба пеши ту хоҳам расид,
Аз ин шарбатам мебибояд чашид.
2. М – оташпарастон.

www.sattor.com

Чу Гуштосп бар шуд ба тахти падар,
Ки фарри падар дошту бахти падар,

Ба сар барниҳод он падардода тоҷ,
Ки[1] зебанда бошад ба озода тоҷ.

«Манам гуфт, яздонпарастанда шоҳ,
Маро Эзади пок дод ин кулоҳ.

Бад-он дод моро кулоҳи бузург,
Ки берун кунем аз рамаймеш гург.

Сӯи роҳи Яздон биёзем чанг,
Бар озода гетӣ надорем танг.

Чу оини шоҳон ба ҷой оварем,
Бадонро ба дини Худой оварем».

Яке дод густард, к-аз доди ӯй
Або гург меш об хӯрдӣ ба ҷӯй.

Пас он духтари номвар Қайсаро,
Ки Ноҳид буд номи он духтаро,

Катоюн-ш хондӣ гаронмоя шоҳ,
Ду фарзанд омад чу тобанда моҳ,

Яке номвар*[2] фаррух- Исфандёр,
Шаҳи корзорӣ, набарда савор.

Башутан дигар гурди шамшерзан,
Шаҳи номбардори лашкаршикан.

Чу гетӣ бар он шоҳи нав рост шуд,
Фаридуни дигар ҳаме хост шуд.

Газиташ бидоданд шоҳон ҳама,
Ба пешаш дили некхоҳон ҳама.

1. Л – Чи.
2. М – номи ӯ.

www.sattor.com

Магар шоҳ Арҷосп туронхудой.
Ки девон будандӣ ба пешаш ба пой,

Газиташ напазруфту нашнид панд,
Агар панд нашнид, аз ӯ дид банд.

Аз ӯ бистадӣ низ ҳар сол бож,
Чаро дод бояд ба ҳомол бож.

ПАЙДО ШУДАНИ ЗАРДУШТ ВА ПАЗИРУФТАНИ ГУШТОСП ДИНИ Ӯ

Чу якчанд гоҳе баромад бар ин,
Дарахте падид омад андар замин.

Аз айвони Гуштосп то пеши кох
Дарахти гашанбеху бисёршох.

Ҳама барги ӯ панду бораш хирад,
Касе к-ӯ чунон бар хурад, кай мурад?

Ҳуҷастапаю номи ӯ Зардуҳушт,
Ки Оҳармани бадкунишро бикушт.

Ба шоҳи ҷаҳон гуфт пайғамбарам,
Туро сӯи Яздон ҳаме раҳбарам.[1]

Яке миҷмар оташ биёвард боз,
Бигуфт, аз биҳишт оваридам фароз.[2]

Ҷаҳонофарин гуфт бипзир ин,*[3]
Нигаҳ кун бад-ин осмону замин,

Ки бехоку обаш баровардаам,
Нигаҳ кун бад-ӯ, то-ш чун кардаам.

Нигар, то тавонад чунин кард кас,
Магар ман ки ҳастам ҷаҳондору бас?

---

1. ИЛ – Сӯи ту хирад раҳнамун оварам.
2. ИЛ – б. 44 нест.
3. М – Ҷаҳондор гӯяд, ки бипзир дин.

www.sattor.com

Гар эдун ки донӣ, ки ман кардам ин,
Маро хонд бояд ҷаҳонофарин.

Зи гӯянда бипзир беҳ дини ӯй,
Биёмӯз аз ӯ роҳу оини ӯй.

Нигар то чӣ гӯяд бар он кор кун,
Хирад баргузин ин ҷаҳон хор кун.

Биёмӯз оини дини беҳӣ,
Ки бе дин на хуб аст шоҳаншаҳӣ.*[1]

Чу бишнид аз ӯ шоҳи беҳ дини беҳ,
Пазируфт аз ӯ дину[2] оини беҳ.

Набарда бародар-ш фаррух Зарир,
Куҷо жандапил оваридӣ ба зер.

Падар-ш он шаҳи[3]*[4] пиргашта ба Балх,
Ки гетӣ ба дил-ш - андарун буд*[5] талх.

Сарони бузург аз ҳама кишварон,
Пизишкони донову кундоварон.

Ҳама сӯи шоҳи замин омаданд,
Бубастанд кустӣ,*[6] ба дин омаданд.

Падид омад он фарраи эзадӣ,
Бирафт*[7] аз дили бадсиголон бадӣ,

Пур аз нури Эзад бибуд дахмаҳо
В-аз олудагӣ пок шуд тухмаҳо.

Пас озода Гуштосп бар шуд ба гоҳ,
Фиристод ҳар сӯ ба кишвар сипоҳ.

---

1. М – Ҳаме хуб н-ояд шаҳи.
2. ИЛ – роҳу.
3. Л – Ва шоҳаншаҳи. И – Ва шоҳи ҷаҳон.
4. М – Чу шоҳаншаҳи.
5. М – Ҷаҳон бар дили реши ӯ гашта.
6. М –ҳайкал.
7. М –Бишуд.

www.sattor.com

Пароканд гирди ҷаҳон мӯбадон,
Ниҳод аз бари озарон*[1] гунбадон.

Нахуст озари Меҳрбарзин ниҳод,
Ба кишвар нигар, то чи оин ниҳод.

Яке сарви озодаро Зардуҳишт*[2]
Ба пеши дари озар-андар бикишт.

Набишташ бар он зодсарви саҳӣ,
Ки пазруфт Гуштосп дини беҳе.

Гуво кард мар сарви озодро,
Чунин густаронад хирад додро.

Чу чанде баромад бар ин солиён,
Бибуд сарв боло, ситабраш миён.

Чунон гашт озод сарви баланд,
Ки бар гирди ӯ - бар нагаштӣ каманд.

Чу боло баровард бисёр шох,
Бикард аз бари ӯ яке хуб кох.

Чиҳил раш ба болову паҳно чиҳил,
Накард аз буна андар ӯ обу гил.

Чу айвон баровардаш аз зарри пок,
Заминаш*[3] ҳама симу[4] анбар-ш хок,

Бар ӯ барнигорид Ҷамшедро,
Парастандаи моҳу хуршедро.

Фаридун або гурзаи говсор
Бифармуд кардан бар он ҷо нигор.

---

1. М –ба оин ниҳод озарин.
2. М –Озода буд аз биҳишт.
3. М – Миёнаш.
4. И –мушку.
*1 М – Пай афканд гирдаш.

www.sattor.com

Ҳама меҳтаронро бад-он ҷо нигошт,
Нигар то чунин комгорӣ кӣ дошт.[1]

Чу некӯ шуд он номвар кохи зар,
Ба деворҳо[2] барниҳодаш гуҳар.

Ба гирдаш яке бораи оҳанин,
Нишаст андар ӯ кард шоҳи замин.

Фиристод ҳар сӯ ба кишвар паём,
Ки чун сарви Кишмар ба гетӣ кадом?

Зи мину фиристод зӣ ман Худой,
Маро гуфт аз ин ҷо ба мину барой.

Кунун ҷумла ин панди ман бишнавед,
Пиёда сӯи сарви Кишмар равед.

Бигиред яксар раҳи Зардуҳушт,
Ба сӯи бути Чин бароред пушт.

Ба бурзу*[3] фари шоҳи эрониён,
Бубандед кусӣ ҳама бар миён.

Ба оини пешинагон мангаред,
Бад-ин сояи сарвбун биграведт.

Сӯи гунбади озар оред рӯй
Ба фармони пайғамбари ростгӯй.

Пароканда гуфтораш[4] андар ҷаҳон,
Сӯи номдорону сӯи[5] миҳон.

Ҳама тоҷдорон ба фармони ӯй
Сӯи сарви Кишмар ниҳоданд рӯй.

1. Л – б. 72 нест.
2. айвонҳо.
3. М – ному.
4. ИЛ – Пароканд фармонаш.
5. Л – номдорони фаррух.

www.sattor.com

Парастишкада гашт аз эшон[1] биҳишт,
Бубаст андар ӯ девро Зардиҳишт.[2]

Биҳиштиш хон ар надонӣ ҳаме,
Чаро сарви Кишмар-ш хонӣ ҳаме?

Чаро к-аш нахонӣ ниҳоли биҳишт,
Ки чун сарви Кишмар ба гетӣ кӣ кишт?

НАПАЗИРУФТАНИ ГУШТОСП БОЖИ ЭРОН АРҶОСПРО

Чу чанде баромад бар ин рӯзгор,
Ҳуҷаста шуд он ахтари шаҳрёр.[3]

Ба шоҳи ҷаҳон[4] гуфт Зардушти пир,
Ки дар дини мо ин набошад ҳужир,[5]

Ки ту бож бидҳӣ ба солори Чин,
На андархур ояд ба ойину дин.

На бошам бар ин низ ҳамдостон,
Ки шоҳони мо дар гаҳи бостон.

Ба туркон надодаст*[6] кас божу сов
Ба Эрон набудшон ҳама тӯшу*[7] тов.

Бипазруфт Гуштосп, гуфто, ки низ
Нафармоямаш додан аз бож чиз.

Пас огоҳ шуд наррадеве аз ин,
Ҳам андар замон шуд сӯи шоҳи Чин.

---

1. Л – он –сон.
2. Л – б. 84 нест.
3. Л – Бишуд наздаш он пири омӯзгор.
4. ИЛ – каён.
5. Л – Ки ин пандро хормоя магир.
6. М – надоданд.
7. М – Ки буданд бедину бе зӯру.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт, к-эй шаҳрёри ҷаҳон,
Ҷаҳон яксара кеҳтарону миҳон

Ба ҷо овариданд фармони ту,
Наёяд касе пеши пайкони*[1] ту.

Магар пури Лӯҳросп Гуштоспшоҳ,
Ки орад ҳаме сӯи туркон сипоҳ.[2]

Бикард ошкоро ҳама душманӣ,
Або чун ту шаҳ кард оҳарманӣ.[3]

Маро сад ҳазорон савор аст беш,
Ҳама гар бихоҳӣ, биёрам-т пеш.

Биё, то шавем*[4] аз паси кори ӯй,
Нигар, то натарсӣ зи пайкори ӯй,

Чу Арҷосп бишнид гуфтори дев,
Фуруд омад аз гоҳ турконхидев.

Аз андӯҳи ӯ сусту бемор шуд,
Зи шоҳи ҷаҳон пур зи тимор шуд.

Пас он гаҳ ҳама мӯбандонро бихонд,
Шунида сухан пеши эшон биронд.

Бидонед гуфто, к-аз Эронзамин*[5]
Бишуд фарраи эзаду пок дин.

Яке пир пеш омадаш сар-сарӣ
Ба Эрон ба даъвии пайғамбарӣ.

---

1. М – Натобад касе сар зи паймони.
2. ТПЗМ – Або ин ҳама дини дигар ниҳод,
   Раҳи бутпарастӣ зи пас барниҳод.
3. Л – ту чун он кард ёрад манӣ.
4. М – бад-он то.
5. М – Ки Гуштосп гаштаст аз оину дин.

www.sattor.com

Ҳаме гӯяд аз осмон омадам,
Зи назди Худои ҷаҳон омадам.

Худовандро дидам андар биҳишт,
Мар ин Занду Усто ҳама ӯ навишт.

Ба дӯзах - дарун дидам Аҳримано,
Наёрастамаш гашт пиромано.

Пас он гаҳ худовандам аз баҳри дин
Фиристод наздики шоҳи замин.[1]

Сари номдорони эронсипоҳ,
Гаронмоя фарзанди Лӯҳроспшоҳ,

Ки Гуштосп хонанд эрониён,
Бубасташ яке кустӣ ӯ бар миён.

Бародар-ш низ он савори далер,
Сипаҳдори Эрон, ки номаш Зарир,

Ҳама пеши ӯ динпижӯҳ омаданд
В-аз он пири ҷоду сутӯҳ омаданд,

Гирифтанд аз ӯ сар ба сар дини ӯй,
Ҷаҳон пур шуд аз роҳу оини ӯй.

Нишаст андар Эрон ба пайғамбарӣ,
Ба кори чунон ёфаву*[2] сар-сарӣ.[3]

Яке нома бояд навиштан кунун
Сӯи он зада сар зи фармон бурун.

---

1. Л –б. 108 нест.
2. М – ёваву.
3. ТПЗМ – Яке сарв фармуд киштан ба даст,
Ба диноварӣ роҳи пешин бубаст.
Яке миҷмар оташ, яке номаро
Намуда мар он шоҳи худкомаро.
Бигӯяд, ки ин Занду Усто бувад,
Бад-ин оташи тез вусто бувад.

www.sattor.com

Бубояд-ш додан басе хоста,
Ки некӯ бувад дода нохоста.

Мар ӯро бигуфтан, к-аз ин роҳи зишт
Бигарду битарс аз Худои биҳишт.

Мар он пири нопокро дур кун,
Бар оини мо-бар яке сур кун.

Гар эдун, ки бипзирад ӯ панди мо,
Насояд ҳаме*[1] пои ӯ банди мо.

В-ар эдун ки напзирад аз мо сухан,
Кунад тоза оини кини куҳан,

Сипоҳи пароканда боз оварем,
Яке хуб лашкар фароз оварем,

Ба Эрон шавем аз паси кори ӯй,
Натарсем аз озору пайкори ӯй.

Биронем аз пешу хораш кунем,
Бубандему зинда ба дораш кунем.

НОМА НАВИШТАНИ АРҶОСП ГУШТОСПРО

Бар ин истоданд гурдони Чин,
Ду тан низ карданд аз эшон гузин.

Яке номи ӯ Бедирафши Бузург,
Гави пир ҷодуи синасутург.

Дигар ҷодуе, номи ӯ Номхост,
Ки ҳаргиз дилаш ҷуз табоҳӣ нахост,

Яке нома бинвишт хубу ҳужир
Сӯи номвар хусрави динпазир.

1. М – сару.

www.sattor.com

Нахустин ба номи Худои ҷаҳон,
Шиносандаи ошкору ниҳон

Набиштам ман ин номаи шоҳвор,
Чунон чун бувад дархури шаҳрёр.

Сӯи гурд Гуштосп - шоҳи замин,
Сазовори гоҳ он каи б-офарин.

Гузину меҳин пури Лӯҳроспшоҳ,
Худованди гетӣ, нигаҳдори гоҳ.

Аз Арҷосп солори гурдони Чин,
Саворе ҷаҳонгиру гурди гузин.

Набишт андар он номаи хусравӣ
Накӯ офарин бар хати пеғавӣ,

Ки эй номвар пури шоҳи*[1] ҷаҳон,
Фурӯзандаи тахти шоҳаншаҳон,

Сарат сабз боду тану ҷон дуруст,
Мабодат каёнӣ камаргоҳ суст!

Шунидам, ки роҳе гирифтӣ табоҳ,
Ба худ*[2] рӯзи равшан бикардӣ сиёҳ.

Биёмад яке пири мардумфиреб,
Туро дил пур аз бим карду ниҳеб.

Сухан гуфт аз дӯзаху аз биҳишт,
Ба дил-т - андарун тухми зуфтӣ бикишт.

Ту ӯро пазируфтиву дин-шро,
Биёростӣ роҳу оин-шро.

1. М – шаҳрёри.
2. М – Маро.

www.sattor.com

Бияфкандӣ ойини шоҳони хеш,
Бузургони гетӣ ки буданд пеш.

Табаҳ кардӣ он паҳлавӣ кешро,
Чаро нангаридӣ пасу пешро?

Ту фарзанди онӣ ки фархунда шоҳ
Бад-ӯ дод тоҷ аз миёни сипоҳ.[1]

Туро баргузид, аз гузинони хеш,
Зи ҷамшедиён мар туро дошт пеш.

Чунон ҳамчу Кайхусрави кинаҷӯй,
Туро беш буд аз каён обрӯй.

Бузургиву шоҳиву фархундагӣ,
Тавоноиву фарру зебандагӣ,

Дурафшону пилони ороста,
Басе лашкару ганҷи пурхоста*[2]

Ҳама будат, эй номвар шаҳрёр,*[3]
Ҳама меҳтарон мар туро дӯстдор.*[4]

Ҳаме тофтӣ бар ҷаҳон яксара,
Чу урдибиҳишт офтоб аз бара.[5]

Зи гетӣ туро дода шоҳӣ*[6] Худой,
Миҳонат ҳама пеш буда ба пой.

Накардӣ Худои ҷаҳонро сипос,
Набудӣ ба динпарварӣ раҳшинос.[7]*[8]

1. ТПЗМ – Барорандаи урмузди меҳин,
Нигорандаи осмону замин.
2. М – нокоста.
3. М – меҳтари сарфароз
4. М – корсоз.
5. И – б. 146-148 нест.
6. М – баргузида.
7. Л –бар ин роҳи Яздон шинос.
8. М – ту бераҳ бад-ин раҳ шинос.

www.sattor.com

Аз он пас, ки Эзад туро шоҳ кард,
Яке пири ҷодут бероҳ кард.

Чу огоҳии ин сӯи ман расид,
Ба рӯзи сапедам ситора падид,

Навиштам*[1] яке номаи дӯствор,*[2]
Ки ҳам дӯст будам-т, ҳам нек ёр.

Чу нома бихонӣ, сару тан бишӯй,
Фиребандаро низ манмой рӯй.

Мар он бандҳо аз миён боз кун,
Ба шодӣ маи равшан оғоз кун,

Маяфкан ту ойини шоҳони хеш,
Бузургони гетӣ ки буданд пеш.

Ар эдун, ки бипзирӣ ин нек панд,
Зи туркон ба ҷонат наёяд*[3] газанд.[4]

Замини кашониву туркону Чин
Туро бошад он ҳамчу Эронзамин.

Ба ту бахшам ин бекарон ганҷҳо,
Ки овардаам гирд бо ранҷҳо.

Накӯранг аспони босиму зар,
Ба истомҳо дарнишонда гуҳар.

Ғуломон фиристам-т бо хоста,
Нигорон бо ҷаъди ороста.[5]

В-ар эдун ки напзирӣ ин панди ман,
Бисоӣ гарон*[6] оҳанин банди ман.

1. М – Набиштам.
2. М – дустдор.
3. М –туро низ н-ояд.
4. И –б. 156. 157 нест.
5. Л – пероста.
6. М – ба поят расад.

www.sattor.com

Биёям паси нома то як-ду моҳ,
Кунам сар ба сар кишваратро табоҳ.

Биёрам сипоҳе зи туркону Чин,
Ки бунгоҳашон барнатобад замин,

Биянборам ин рӯди Ҷайҳун ба мушк,
Ба машк оби дарё кунам пок хушк.

Бисӯзам нигорида кохи туро,
Зи бун барканам беху шохи туро.

Заминтон саросар бисӯзам ҳама,
Танонтон[1] ба новак бидӯзам ҳама.

Аз эрониён ҳар ки мард аст пир,
Кунамшон якояк дар он ҷо асир.

Аз эшон наёяд фузунӣ баҳо,
Кунамшон ҳама сар зи танҳо ҷудо.

Зану кӯдаконро биёрам зи пеш,
Кунамшон ҳама банда дар шаҳри хеш.

Заминтон ҳама пок вайрон кунам,
Дарахтон або[2] бехатон*[3] барканам.

Бигуфтам ҳама гуфтанӣ сар ба сар,
Ту жарф андар ин панднома нигар.

ПАЙҒАМБАРОН ФИРИСТОДАНИ АРҶОСП ГУШТОСПРО

Чу пардохт аз нома дастури шоҳ
Ба пеши ҳама меҳтарони сипоҳ,[4]

1. ИЛ – кафантон.
2. Л –дарахтони бо.
3. М – Зи бех он дарахтон ҳама.
4. ИЛ –б. 173 нест.

www.sattor.com

Фарозаш навардиду кардаш нишон,
Бидодаш бад-он пири чодуфишон.[1]*[2]

Бифармудашон гуфт бихрад буволд,
Ба айвони ӯ бо ҳам андаршавед.

Чу ӯро бубинед бар тахту гоҳ,
Кунед он замон хештанро*[3] дутоҳ.

---

1. Бихонд он замон назди худ Номхост,
Дигар Бедирафш он ки ӯ ном хост.
Ки Гуштоспи Луҳроспшаҳро бигӯй,
К-аз ин сон чӣ резӣ ҳаме обрӯй?
Гар ин гуфти ман сар ба сар бишнавӣ,
Бад-он пир бо дини бад награвӣ.
Биёрӣ, бисӯзӣ варо пеши хеш,
Дигарбора тоза кунӣ кеши хеш.
Гар Оҳарман аст ӯву носозгор,
Ба дастур гӯяш, варо пешам ор.
Ҳама мӯбадону радонро бихон,
Ба оини эшон биёрой хон.
Бифармой, то пеши эшон дабир
Бихонад мар ин номаи дилпазир
Ба Зардушт гӯяд, ки инро ҷавоб
Ба Арҷосп бинвис ҳам дар шитоб.
Биёвар ту ҳуҷҷат бар ин дини хеш,
Ки то ман кашам рӯй аз кини хеш.
Чу бурҳон бубинам, бад-ӯ бигравам
В-агар беҳуда бошад он, нашнавам.
Ба чизе ки гӯяд ба пешат дурӯғ,
Нигар, то нагирад дилат з-он фурӯғ.
Зи ман бишнав ин рост некӯ сухун.
Ту бар подшо подшоҳӣ макун.
Нигар, то надорӣ варо ростгӯй,
Ки инро набинам ҳаме обрӯй.
Ба чуз зарқ чизе надорад ба мушт,
Бас аст ин, ки гӯяд манам Зардуҳушт.
Нагунаш ҳаме зинда бар дор кун,
Магӯяш аз он низ бо кас сухун.
Фиристодагонро ба раҳ кард зуд,
Шитобед гуфто ба монанди дуд.
Ба ҳамроҳашон кард сесад савор,
Ҳама ҷангҷӯёни ханҷаргузор.
2. М – ҷодуситон.
3. М – хеш наздаш.

www.sattor.com

Бар оини шоҳон намозаш баред,
Ба пешу паси*[1] тахти ӯ мангаред.

Чу ҳарду нишинед дар пеши ӯй,
Сӯи тоҷи тобанда доред рӯй.

Бигӯед пайғоми фаррух-шро,
Аз[2] ӯ гӯш доред посух-шро.

Чу посух-шро сар ба сар бишнавед,
Заминро бибӯседу берун шавед.

Шуд аз пеши ӯ кинавар Бедирафш,
Сӯи Балхи бомӣ кашидаш дурафш.

Або ёри ӯ хирасар Номхост,
К-аз ӯ бифканад он ки ӯ ном хост.

Чу аз шаҳри Турон ба Балх омаданд,
Ба даргоҳи ӯ - бар пиёда шуданд.

Пиёда бирафтанд, то пеши ӯй
Бад-он остона ниҳоданд рӯй.

Чу рӯяш бididанд бар гоҳ - бар.
Чу хуршед буд аз бари моҳ - бар.

Ниёиш намуданд чун бандагон
Ба пеши каёншоҳи фархундагон.

Бидодандаш он номаи хусравӣ,
Навишта бар ӯ бар хати пеғавӣ.[3]

Чу шоҳи ҷаҳон номаро боз кард,
Барошуфту печидан оғоз кард.

1. М – тоҷу кай.
2. И – В –аз.
3. ИЛ – паҳлавӣ.

www.sattor.com

Бихонд он замон зуд*[1] Ҷомоспро,
Куҷо раҳнамун буд Гуштоспро.

Гузинони Эрону испаҳбадон,
Меҳони чаҳондидаву мӯбадон.[2]

Бихонд он ҳама мӯбадон пеши хеш,
Биёвард Устову бинҳод*[3] пеш.

Паямбар-шро хонду мӯбад-шро,
Зарири гузида сипаҳбад-шро.

Зарири сипаҳбад бародарш буд,
Ки солори гурдони лашкарш буд.

Ҷаҳонпаҳлавон будаш он рӯзгор,
Ки кӯдак буд Исфандёри савор.

Сипаҳдори лашкар нигаҳбони кор,
Паноҳи чаҳон буду пушти савор.[4]*[5]

Ҷаҳон аз бадон вижа ӯ доштӣ,
Ба разм - андарун найза ӯ доштӣ.

Чунин гуфт Гуштосп бо меҳтарон,
Бузургони Эрону кундоварон,[6]

Ки «Арҷосп солори туркону Чин,
Яке нома кардаст зӣ ман чунин».

Бад-эшон намуд он суханҳои зишт,
Ки наздики ӯ шоҳи Турон*[7] навишт.

---

1. М – гаронмоя.
2. И –б. 190 нест.
3. М – Авастову Занд овариданд.
4. И – б. 195 нест.
5. М – Паноҳи чаҳон буду пушти сипоҳ,
   Сипаҳдори лашкар ба кирдори шоҳ.
6. ИЛМ – Ҷаҳондор гуфташ ба фуррух Зарир.
   Ба фархунда Ҷомосп пири дабир.
7. М – куҷо шоҳи туркон сӯи ӯ.

www.sattor.com

Чӣ бинед гуфто бад-ин андарун,
Чӣ гӯеду фарҷоми ин кор чун?

Чӣ нохуш бувад дӯстӣ бо касе,
Ки моя[3] надорад зи дониш басе.

Ман аз тухмаи Эраҷи покзод,
Вай аз тухмаи Тури ҷодунажод.

Чигуна бувад дар миён оштӣ,
Валекин маро буд пиндоште.

Касе к-аш бувад номи некӯ басе,
Сухан гуфт бояд-ш бо ҳар касе.

ПОСУХ ДОДАНИ ЗАРИР АРҶОСПРО

Ҳам он гаҳ чу гуфт ин сухан шаҳрёр,
Зарири сипаҳдору Исфандёр

Кашиданд шамшеру гуфтанд, агар
Касе бошад андар ҷаҳон сар ба сар,

Ки напсандад ӯро ба пайғамбарӣ,
Сар андарнаёрад ба фармонбарӣ,

Наёяд ба даргоҳи фархунда шоҳ,
Набандад миён пеши зебанда гоҳ,

Нагирад аз ӯ роҳу дини беҳӣ,
Мар ин дини беҳро набошад раҳӣ,

Ба шамшер ҷон аз танаш барканем,
Сарашро ба дори барин бар кунем[1].

Сипаҳдори Эрон, ки номаш Зарир,
Набарда далере чу дарранда шер,

Ба шоҳи ҷаҳон гуфт, к-«Эй номдор,
Чу дастур бошад маро шаҳрёр,

1. Л – барзанем.

www.sattor.com

Ки посух кунам ҷоду Арҷоспро»,
Писанд омад ин шоҳ Гуштоспро.

«Ҳало, - гуфт, - бархезу посух-ш кун,
Николи тагинони Халлух-ш кун».

Зариру гаронмоя Исфандёр,
Чу Ҷомосп дастури фархундакор

Зи пешаш бирафтанд ҳар се ба ҳам,
Шуда рух пур аз чину дилҳо дижам.

Навиштанд нома ба Арҷосп зишт,
Ҳам андархури он кучо ӯ навишт.

Зарири сипаҳбад гирифташ ба даст,
Чунон ҳам кушода бибурдаш, набаст

Сӯи шоҳ бурду бар ӯ - бар бихонд,
Ҷаҳондор Гуштосп хира бимонд.

Зи доно сипаҳбад Зарири савор,
Зи Ҷомоспв-аз пураш Исфандёр.

Бубасту навишт аз бараш номи хеш,
Фиристодагонро бихонданд пеш.

Бигиред гуфто, бари ӯ баред,
Магар з-ин сипас роҳи ман наспаред.

Агар нестӣ андар Устову Занд,
Фиристодагонро зинҳор аз газанд,

Аз ин хоб бедоратон кардаме,
Ҳама зинда бар доратон кардаме.

Бад-он[1] то бидонистӣ он нобакор,
Ки гардан наёзад або шаҳрёр.

1. Л – чунин.

www.sattor.com

Бияндохт нома, бигуфто, гиред,
Ҳаминро*[1] сӯи турки ҷоду баред.

Бигӯед ҳушат фароз омадаст,
Ба хуну ба хокат ниёз омадаст.

Зада бод гардан-ту хаста равон,
Ба хок - андарун рехта устухон.[2]*[3]

Ба даймоҳ ар эдун ки хоҳад Худой,
Бипӯшам бузург оҳанина қабой,

Ба Туронзамин андарорам сипоҳ,
Кунам кишвари Гургсорон табоҳ.

БОЗГАШТАНИ ФИРИСТОДАГОНИ АРҶОСП БО ПОСУХИ ГУШТОСП

Сухан чун ба сар бурд шоҳи замин,
Сипаҳбад-шро хонду кард офарин.

Супурдаш бад-ӯ, гуфт бардорашон,
Аз Эрону ин марз бугзорашон.

Фиристодагони сипаҳдори Чин
Зи пеши ҷаҳондор шоҳи замин

Бирафтанд ҳарду шуда хоксор,
Ҷаҳондорашон рондаву карда хор.

Аз Эрони фаррух ба Халлух шуданд,
Валекин ба Халлух на фаррух шуданд.

Чу аз дур диданд айвони шоҳ,
Зада бар сараш -бар дурафши сиёҳ,

1. М – Мар инро.
2. Л – б. 228 нест.
3. М – миён.

www.sattor.com

Фуруд омаданд аз чаманда*[1] сутур,
Шикаста дилу чашмҳо гашта кӯр.

Пиёда бирафтанд то пеши ӯй,
Сияҳшон равону шуда зард рӯй.

Бидодандаш он номаи шаҳрёр,
Ба посух навишта Зарири савор.[2]

Дабираш мар он номаро баркушод,
Бихондаш бар он шоҳи пеғунажод.

Навишта дар он номаи шаҳрёр,
Сароҳанги мардон*[3] набарда савор.[4]

Расид он навишта фурӯ моявор,
Ки бинвишта будӣ бари шаҳрёр.[5]

Шунидему диди суханҳо, куҷо
Набудӣ ту мар гуфтанашро сазо.

На бинвиштанӣ буд, на бинмуданӣ,
На бархонданӣ буд, на ушнуданӣ.

Чунин гуфта будӣ ту то чанд гоҳ,
Сӯи кишвари хуррам орам сипоҳ.

---

1. М – чаҳанда.
2. ТПЗМ – Бирафмуд хондан дабирон-шро,
Зи Турон чавонону пирон-шро.
Дабирон-шро гуфт нома нахуст
Саросар бихонед бар ман дуруст.
3. М – Эрон.
4. Л – б. 240, 241 нест.
ТПЗИЛМ – Паси шоҳ Лӯҳросп Гуштоспшоҳ
Нигаҳдори гетӣ, сазовори гоҳ
Паямбар фиристод зӣ ман Худой.
Меҳонаш ҳама пеш карда ба пой.
Ҳаме гӯядат, эй палиди сутург,
Куҷо пайкарат пайкари шеру гург*,
Зада сар зи оину дини беҳӣ,
Расида ба дилкажживу гумраҳӣ.
*Л –б. сеюм нест.
5. М – б. 242 нест.

www.sattor.com

На ду моҳ бояд ҳаме, на чаҳор,*[1]
Ки мо худ биёрем шерони кор.

Ту бар хештан - бар маяфзой ранҷ,
Ки мо худ кушоем дарҳои ганҷ,

Биёрем гурдон ҳазорон ҳазор,
Ҳама кордида, ҳама номдор.

Ҳама Эраҷизодаи паҳлавӣ,
На Афросиёбиву на пайғавӣ.

Ҳама шоҳчеҳру ҳама моҳрӯй,
Ҳама ростболо, ҳама ростгӯй.

Ҳама аз дари подшоҳиву гоҳ,
Ҳама аз дари ганҷу тоҷу сипоҳ.[2]

Ҳама найзадорону шамшерзан,
Ҳама лашкаророву лашкаршикан.

Ҳама найза бар дасту бора ба зин,
Набишта ҳама номи ман бар нигин.

Ҳама динпазиру ҳама ҳушёр,
Ҳама аз дари ёраву гӯшвор.

Чу донанд к-ам кӯс бар пил баст,
Суми аспи эшон кунад кӯҳ паст.[3]

Чу ҷавшан бипӯшанд рӯзи набард,
Зи чархи барин бугзаронанд гард.

Ба зин - андарун гашта чун кӯҳ сахт,
Сари кӯҳ аз эшон шуда лахт-лахт.

1. М – На то чанд моҳу на то рӯзгор
2. И –б. 246 – 251 нест.
3. ТПЗЛ – Ҷаҳоншон нафарсуда аз ранҷи оз,
Ҳама шергиру ҳама размсоз.

www.sattor.com

Аз эшон ду гурди гузида савор,
Зарири сипаҳдору Исфандёр.

Чу эшон бипӯшанд аз оҳан қабой,
Ба хуршеду моҳ*[1] андароранд пой.

Чу бар гардан оранд кӯбанда гурз,
Ҳаме тобад аз фаррашон фарру бурз.

Чу эшон биистанд пеши сипоҳ,
Туро кард бояд ба эшон нигоҳ.

Ба хуршед монанд бо тоҷу тахт,
Ҳаме тобад аз чеҳрашон фарру бахт.

Чунинам гавонанду испаҳбадон,
Гузида*[2] писандидаам мӯбадон.

Ту Ҷайҳун маянбор ҳаргиз ба мушк,
Ки ман баркушоям дари ганҷи хушк.[3]

Ба рӯзи набард ар бихоҳад Худой,
Ба разм андарорам сарат зери пой.

Чу солор аз ин гуна нома бихонд,
Фуруд омад аз тахту хира бимонд.

Сипаҳбад-шро гуфт: «Фардо пагоҳ
Бихон аз ҳама подшоҳӣ сипоҳ».

Тагинони лашкар, гузинони[4] Чин,
Бирафтанд ҳар сӯ ба Туронзамин.*[5]

---

1. М – ҷанги сипеҳр.
2. М – Ситуда.
3. ТПЗ – Агар тоби теғам ба Ҷайҳун расад,
В-агар боди гурзам ба ҳомун расад,
Ба ҳомун - дарун пил гирён шавад,
Ба Ҷайҳун - дарун об бирён шавад.
4. И – Саворони туркону гурдони.
5. М – Пас аз б. 268 ин б. омада:
Ҳама пок хонданд лашкар-шро,
Сари марздорони кишвар-шро.

www.sattor.com

Бародар буд ӯро ду аҳриманон,
Яке Кӯҳраму дигар Андирамон.

Бидодандашон кӯсу пилу дурафш,
Биёроста сурху зарду бунафш.

Бад-эшон бубахшид сесад ҳазор,
Гавони гузида набарда савор.

Дари ганҷ букшоду рӯзӣ бидод,
Бизад нои рӯин, буна барниҳод.

Сабук хонд Кӯҳрам бародар-шро,
Бад-ӯ дод якдаст лашкар-шро,

Ба Андирамон дод дасти дигар,
Худ андар миёна бубастӣ камар.*[1]

Яке турк буд, номи ӯ Гургсор,
Гузашта бар ӯ-бар басе рӯзгор.

Сипаҳро бад-ӯ дод испаҳбадӣ,
Ту гуфтӣ надонад ҳаме ҷуз бадӣ.[2]

Бародар-шро он ки буд Бедирафш,
Бидодаш яке гургпайкар дурафш.[3]

Яке ном будаш Хашоши далер,
Пиёда бирафтӣ бари наррашер.

Сипаҳ дидабон кардашу пешрав,
Дурафшаш кашидандy шуд пеш гав.

---

1. М – Дигар даст додаш ба Андирамон,
Худ он гаҳ биистод андар миён.
2. И –б. 274 -276 нест.
ТПЗ – Зи Оҳармани бадкуниш буд батар,
Ба ҷанг - андарун буд силоҳаш табар,
Шабу рӯз кораш будӣ сӯхтан,
Ҳамон номи бодафраҳӣ тӯхтан.
3. Л –б. 274 -277 нест.

www.sattor.com

Яке турк буд, номи ӯ Ҳушдев,
Ба соқа фиристод турконхидев.

Нигаҳ дор, гуфто, ту пушти сипоҳ,
Гар аз мо касе боз гардад зи роҳ,

Ҳам он ҷо ки биниш, дар ҷой куш,[1]*[2]
Нигар, то бидорӣ бад-ин кор ҳуш.[3]

Бад-ин сон ҳаме рафт бо тез хашм,
Пур аз хун будаш дил, пур аз об чашм.

Ҳаме кард ғорат, ҳаме сӯхт кох,
Дарахтон ҳаме канд бо беху шох.

Даровард лашкар ба Эронзамин
Шаҳи кофирон дил пуроганда кин.

ГИРД ОВАРДАНИ ГУШТОСП ЛАШКАРИ ХУДРО

Чу огоҳӣ омад ба Гуштоспшоҳ,
Ки солори туркони Чин бо сипоҳ

Биёросту ҷунбид*[4] аз ҷои хеш,
Хашоши далераш*[5] фиристод пеш.[6]

Сипаҳбад-шро гуфт: Фардо пагоҳ
Биёрой пилон, биёвар сипоҳ!

Сӯи марздорон-ш нома навишт,
Ки Хоқон раҳи роду мардӣ биҳишт.

---

1. И –Ҳар он ҷо ки ёбӣ, ҳам он ҷо бикуш.
2. М –Ҳар он ҷо ки ёбӣ, мар ӯро бикӯш.
3. ТПЗ – Дигар буд туркеву номаш Табаҳ
   Бад-ӯ гуфт, медор қалби сипаҳ.
4. М – Бароросту омад худ.
5. М – палидаш.
6. ТПЗИЛМ – Чу бишнид, к-ӯ рафт бо лашкараш,
   Ки вайрон кунад он ҳама кишвараш.

www.sattor.com

Биёед яксар ба даргоҳи ман,
Ки бар марз бугзашт бадхоҳи ман.

Чу нома сӯи родмардон расид,
Ки омад ҷаҳонҷӯй душман падид,

Сипоҳе биёмад ба даргоҳи шоҳ,
Ки чандон набуд бар замин - бар гиёҳ.

Зи баҳри ҷаҳондор шоҳи каён
Бубастанд гурдони гетӣ[2] миён.

Ба даргоҳи хусрав ниҳоданд рӯй
Ҳама марздорон ба фармони ӯй.

Наёмад бар ин - бар басе рӯзгор,
Ки омад ба даргаҳ ҳазорон ҳазор.

Фароз омада буд мар шоҳро,
Каи*[1] номдори накӯхоҳро.

Ба лашкаргаҳ омад, сипаҳро бидид,
Ҳар он кас ки[2] шоиста буд[3], баргузид.

Аз он шодмон гашт фархунда шоҳ,
Дилаш гашт хира зи чандон сипоҳ.

Дигар рӯз Гуштосп бо мӯбадон,
Радону бузургону испаҳбадон

Кушод он дари ганҷи пур карда Ҷам,
Бидод ӯ сипаҳро дусола дирам.

Чу рӯзӣ бубахшиду ҷавшан бидод,
Бизад ною кӯсу буна барниҳод.

Бифармуд бурдан ба пеши сипоҳ
Дурафши ҳумоюни фархунда шоҳ.

1. М – Гави.
2. И –касеро.
3. Л –ки шоиста буд размро.

www.sattor.com

Сӯи разми Арҷосп лашкар кашид,
Сипоҳе ки ҳаргиз чунон кас надид.

Зи торикии гарду аспу сипоҳ
Касе рӯзи равшан надиду на моҳ.

Зи бас бонги аспону бонги хурӯш
Ҳаме нолаи кӯс нашнид гӯш.

Дурафшони бисёр афрошта,
Сари найзаҳо з-абр бугзошта.

Чу руста дарахт аз бари кӯҳсор,
Чу беша наистон ба вақти баҳор.

Аз ин сон ба фармони Гуштоспшоҳ
Зи кишвар ба кишвар ҳаме шуд сипоҳ.

ГУФТАНИ ҶОМОСП АНҶОМИ РАЗМ БО ГУШТОСП

Чу Аз Балхи бомӣ ба Ҷайҳун расид,*[1]
Сипаҳдор*[2] лашкар фуруд оварид.*[3]

Бишуд шаҳрёр аз миёни сипоҳ,
Фуруд омад аз аспу бар шуд ба гоҳ.

Бихонд он замон шоҳ Ҷомоспро,
Куҷо раҳнамун буд Гуштоспро.

Сари мӯбадон буду шоҳи радон,
Чароғи бузургону испаҳбадон.

Чунон поктан буду покизаҷон,
Ки будӣ бар ӯ ошкоро ниҳон.

Ситорашиносе гаронмоя буд,
Або ӯ ба дониш киро*[4] поя буд.

1. М – шуданд.
2. М – сипаҳдору.
3. М – омаданд.
4. М – Ба фарҳангу дониш.

www.sattor.com

Бипурсид аз ӯ шоҳу гуфто: «Худой
Туро дини беҳ доду покиза рой.[1]

Чу ту нест андар ҷаҳон ҳеч кас,
Ҷаҳондор дониш туро доду бас.

Бибояд-т кардан зи ахтар шумор,
Бигӯӣ ҳама мар маро рӯи кор,

Ки чун бошад анҷому[2] фарҷоми ҷанг,
Киро пеш[3] хоҳад буд ин ҷо диранг».

Наёмад-ш хуш[4] пир Ҷомоспро,
Ба рӯи дижам гуфт Гуштоспро,

Ки эй кошкӣ Эзади додгар
Надодӣ маро ин хирад в-ин ҳунар.

Маро гар набудӣ хирад, шаҳрёр,
Накардӣ зи ман буданӣ хостор.

Бигӯям ман ин в-ар нагӯям ба шоҳ,
Кунад мар маро шоҳи шоҳон табоҳ[5].

Ҷаҳондор гуфто: «Ба номи Худой,
Бад-ин номи диновари покрой,

Ба ҷони Зарир он набарда савор,
Ба ҷони гаронмоя Исфандёр,

Ки ҳаргиз ба рӯи ту ман бад кунам,
На фармоямат бад, на ман х(в)ад кунам.[6]

---

1. И –б. 315 нест.
2. ИЛ – оғозу.
3. ИЛ –беш.
4. И – Наёмад хуш ин.
5. ТПЗИЛМ – Агар бо ман аз дод паймон кунад,
   Ки на бад кунад худ, на фармон кунад.
6. Л –б. 325 нест.

www.sattor.com

Ту ҳарч андар ин кор донӣ бигӯй,
Ки ту чорадониву ман чораҷӯй».[1]

Хирадманд гуфт: «Эй гаронмоя шоҳ,
Ҳамеша ба ту тоза бодо кулоҳ!

Бидон, эй набарда каи номҷӯй,
Чу разм оварад, рӯй гурдон бар ӯй.

Бад-он гаҳ куҷо бонгу вайла кунанд,
Ту гӯӣ ҳама кӯҳро барканaнд.

Ба пеш - андар оянд мардони мард,
Ҳаво қира[2] гардад зи гарди набард.

Ҷаҳон бинӣ он гоҳ гашта кабуд,
Замин пур зи оташ, ҳаво пур зи дуд.

В-аз он захму он гурзҳои гарон,
Чунон путку пӯлоди оҳангарон.

Ба мағз-андар афтад таранготиринг,*[3]
Ҳаво пур кунад нолаи бӯру хинг.*[4]

Шикаста шавад чарху гардунҳо,
Дурафшон биёлояд аз хунҳо.

Басе бепадар гашта бинӣ писар,
Басе беписар гашта бинӣ падар.

Нахустин каи номдор Ардашер,
Писар шаҳрёр он набарда далер

Ба пеш афканад тозиён аспи хеш,
Ба хок афканад, ҳар кӣ ояд-ш пеш.

1. ТПЗИМ – Зи банда маёзору бугзор хашм,
Хунук он касе к-аш набинад ба чашм.
2. ИЛ – тира.
3. М – таранг.
*3 М – Ки ҳаргиз.
*4 М – ба фарҷом.
4. М – Ҷаҳон пур шавад аз дами шӯру ҷанг.

www.sattor.com

Пиёда кунад турк чандон савор,
К-аз ахтар набошад мар онро шумор,

Валекин саранҷом кушта шавад,
Накӯ номаш андарнавишта шавад.

Пас озода Шедасп фарзанди шоҳ
Ба кинаш кунад тез аспи сиёҳ.

Дижам гардаду теғро баркашад,
Битозад басе аспу мардум кушад.

Саранҷом бахташ кунад хоксор,
Бараҳна шавад он сари тоҷдор.

Биёяд пас он гоҳ фарзанди ман,
Бубаста миён бар миёнбанди ман.

Абар кини Шедасп фарзанди шоҳ
Чу Рустам биёяд миёни сипоҳ.

Басе номдорону гурдони Чин,
Ки он шери гурд афканад бар замин.

Басе ранҷ бинад ба разм-андарун,
Шаҳи хусравонро бигӯям[1] ки чун

Дурафши фирӯзандаи ковиён
Бияфканда бошанд эрониён.

Гиромӣ ки бинад зи асп-андарун,
Дурафши ҳумоюн пур аз хоку хун,

Дар ояд аз он пушти аспаш ба зер,
Бигирад дурафшу барорад далер.

Ба як даст шамшеру дигар дурафш,
Бигирад бад-он ҷо дурафши бунафш.[2]

1. Л – Сари хусравонро нагӯям.
2. Л – б. 348 – 350 нест.

www.sattor.com

Аз ин сон ҳамеафканад душманон,
Ҳаме барканад ҷони оҳарманон.

Зи ногоҳ душман ба шамшери тез
Яке дасти ӯ афканад аз ситез.

Гиромӣ ба дандон бигирад дурафш,
Бидорад ба дандон дурафши бунафш.

Ба як даст душман[1] кунад нопадид,
Шигифтитар аз кори ӯ кас надид.

Яке турк тире занад бар бараш,
Ба хок андарорад сару афсараш.

Пас озода Настур пури Зарир
Ба пеш афканад асп чун наррашер.

Чу ояд саранҷом пирӯз боз,
Абар душманон даст карда дароз.

Биёяд пас он баргузида савор,
Писар шаҳрёри ҷаҳон Невзор.

Аз он душманон бифканад*[2] шаст мард,
Намонад яке паҳлави дастбард.

Саранҷом туркон ба тираш зананд,
Тани пилвораш ба хок афкананд.

Биёяд пас он наррашери далер,
Набардасавор он ки номаш Зарир.

Ба пеш андарояд гирифта каманд,
Нашаста абар аспи тозӣ саманд,

Або ҷавшани зар дурахшон чу моҳ,
Бад-ӯ - андарун хира гашта сипоҳ.

1. ИЛ – Басе душманонро.
2. М – Зи оҳарманон афканад.

www.sattor.com

Бигирад зи гурдони лашкар ҳазор,
Бибандад, фиристад бари[1] шаҳрёр.

Ба ҳар ҷо ки бинҳад ҳамон шоҳ рӯй,
Ҳаме ронад аз хуни бадхоҳ ҷӯй.[2]

Наистад кас он паҳлавӣ шоҳро,
Сутӯҳ оварад шоҳи хиргоҳро.

Пас афканда бинад бузург Ардашер,
Сияҳ гашта рухсору тан чун зарир.

Бигиряд бар ӯ зору гардад нажанд,
Барангезад он тозиаспи саманд.

Ба хоқон ниҳад рӯй бо хашми тез,*[3]
Ту гӯӣ надидаст ҳаргиз гурез.*[4]

Чу андар миён бинад Арҷоспро,
Ситоиш кунад шоҳ Гуштоспро.

Сафи душманон сар ба сар бардарад,
Зи гетӣ сӯи ҳеч кас нангарад.

Ҳаме хонад ӯ Занди Зардуштро,
Ба Яздон супурда каӣ*[5] пуштро.

Саранҷом гардад бар ӯ тира бахт,
Бурида шавад он гузида дарахт.

Биёяд яке номи ӯ Бедирафш,
Сӯи найза дорад дурафши бунафш.

Наёрад шудан пеши гурди гузин,
Нишинад ба роҳи вай андар камин.

---

1. ИЛ – сӯи.
2. ТПЗМ – Ситоянда он гурдро ҳар касе
Чу букшад зи гурдони лашкар басе.
3. М – хашму кин.
4. М – гӯй ки хоҳад рабудаш зи зин.
5. М – Зи гетӣ ба Яздон кунад.

www.sattor.com

Бубандад бар ӯ*[1] роҳ чун пили маст,
Яке теғи заҳробдода ба даст.[2]

Чу шоҳи ҷаҳон бозгардад зи разм,
Ту гӯӣ ки берун хиромад зи базм.

Бияндозад он турк тире бар ӯй,
Наёрад шудан ошкоро ба рӯй.

Абар дасти он Бедирафши палид
Шавад шоҳи озодагон нопадид.

Ба туркон барад бораву зини ӯй,
Кӣ хоҳад биҷуст он замон кини ӯй?

Пас ин лашкари номдори бузург
Ба душман дарафтанд чун шеру гург.

Ҳаме барзананд ин бар он, он бар ин,
Зи хуни ялон сурх гардад замин.

Ялонро бибошад ҳама рӯй зард,
Ҳаме ларза афтад ба мардони мард.

Бароянд ба хуршед гарди сипоҳ,
Набинад кас аз гард хуршеду моҳ.

Фурӯғи сари найзаву тиру теғ
Битобад чунон чун ситора зи меғ.[3]

Пас он Бедирафши палиди сутург
Ба пеш андарояд чу дарранда гург.

---

1. М – Нишинад бар он роҳ.
2. И –б. 376 нест.
3. ТПЗИЛМ – В-аз он захм гурдон куҷо мезананд,
Яке бар дигар-бар ҳаме афкананд.
Ҳама хаставу кушта бар якдигар
Падар бар писарр писар бар падар.
В-аз он зориву нолаи хастагон
Ба банд андароянд пойистагон
Ва чандон аз он кушта ояд сипоҳ,
Ки аз хунашон тар шавад размгоҳ.*

* И –б. охир нест.

www.sattor.com

Ҳамон теғи заҳробдода ба даст,
Ҳаме тозад ӯ бора чун пили маст.

Ба дасти вай-андар фаровон сипоҳ
Табаҳ гардад аз баргузинони шоҳ.

Биёяд пас он фаррух Исфандёр,
Сипоҳ аз паси пушту Яздон-ш ёр.

Абар Бедирафш афканад растахез[1]
Аз ӯ ҷома*[2] пурхуну ҷон пурситез.

Мар ӯро яке теғи ҳиндӣ занад,
Ба зин нимаи тан-ш зер афканад.

Бигирад пас он оҳанин гурзро,
Битобонад он фарраву бурзро.

Ба як ҳамла аз ҷояшон бугсилад,
Чу бугсисташон, бар замин кай ҳилад.[3]

Ба нӯки сари найзашон барчинад,
Табаҳшон кунад поку бипроканад.

Гурезад*[4] саранҷом солори Чин,
Аз Исфандёр он каи б-офарин.

Ба Турон ниҳад рӯй бугрехта,
Шикаста дилу дидаҳо рехта.

Биёбон гузорад ба андак сипоҳ,
Шавад шоҳ пирӯзу душман табоҳ.

Бидон, эй гузида сари хусравон,
Ки ман ҳар чи гуфтам, набошад ҷуз он.

1. Л – асп тез.
2. М – дида.
3. ИЛ – б. 393 нест.
4. М –гурезон.

www.sattor.com

Набинӣ зи ман як сухан бешу кам,
Ту з-ин пас макун рӯй бар ман дижам.

Ман инро ки гуфтам, нагуфтам магар
Ба фармонат, эй шоҳи пирӯзгар.

В-аз он пас, ки пурсид фархунда шоҳ
Аз он жарфдарёву торикчоҳ,

Надидам, ки бар шоҳ бинҳуфтаме,
В-агарна ман ин роз кай гуфтаме?»

Чу шоҳи ҷаҳондор бишнид роз,
Бар он гӯшаи тахт хусбид боз.

Зи дасташ бияфтод заррина гурз,
Ту гуфтӣ бирафташ ҳама фарру бурз.

Ба рӯй-андар афтоду беҳуш гашт,
Нагуфташ сухан низу хомӯш гашт.

Чу боз омадаш ҳуши шаҳ, шаҳрёр
Фуруд омад аз тахту бигрист зор.

«Чӣ бояд маро, -гуфт,-шоҳию гоҳ,
Ки рӯзам ҳаме гашт хоҳад сиёҳ.

Ҳаме рафт хоҳанд моҳони[1] ман,
Далеру саворону шоҳони ман.[2]

Чӣ бояд маро подшоҳию бахт –
Тавоноиву лашкару тоҷу тахт?

Ки бо он кӣ бар ман гиромитаранд,
Гузини сипоҳанду номитаранд.[3]

1. И – шоҳони.
2. И – Чароғони Лӯҳроспу моҳони ман.
3. И –б. 210 нест.

www.sattor.com

Ҳаме рафт хоҳанд аз пеши ман,
Зи тан баркананд ин дили реши ман.[1]

Ба Ҷомосп гуфт: Ар чунин аст кор
Ба ҳангоми рафтан сӯи корзор,

Нахонам набарда бародар-мро,
Насӯзам дили пир модар-мро.

Нафармоямаш низ рафтан ба разм,
Сипаҳро супорам ба фаррух Гуразм.

Каёнзодагон бо ҷавонони ман,
Ки ҳар як чунон чун тану ҷони ман,

Бихонам ҳама сарбасар пеши хеш,
Напӯшам зиреҳшон, нишонам ба пеш.

Чигуна расад нӯки тири ханданг,
Бар ин осмон бар шуда кӯҳу санг?»

Хирадманд гуфто ба шоҳи замин,
Ки «Эй некхӯ шоҳи боофарин,

Гар эшон набошанд пеши сипоҳ,
Ниҳода ба сар-бар зи оҳан кулоҳ,

Кӣ ёрад шудан пеши гурдони Чин,
Кӣ боз оварад фарраву пок дин?

Ту з-ин хок бархезу бар шав ба гоҳ,
Макун фарраи подшоҳӣ табоҳ,

Ки рози удояст з-ин чора нест,
Худованди гетӣ ситамкора нест.

Аз андӯҳ хӯрдан набошад-т суд,
Куҷо буданӣ буд, ин кор буд.

1. Л –б. 410.411 нест.

www.sattor.com

Макун дил-тро бештар з-ин нажанд,
Ту доди ҷаҳонофарин кун писанд».[1]

Бидодаш басе панду бишнид шоҳ,
Чу хуршедгун гашту бар шуд ба гоҳ.

Нишаст аз бари гоҳ, бинҳод дил
Ба разми ҷаҳонҷӯй шоҳи Чигил.

Аз андешаи дил наёмад-ш хоб,
Ба разму набардаш гирифта шитоб.

ЛАШКАРҲО ОРОСТАНИ ГУШТОСП ВА АРҶОСП

Чу Ҷомосп гуфташ сапеда дамид,
Фурӯғи ситора шуда нопадид.[2]

Аз он ҷо хиромид то размгоҳ,
Фуруд оварид он гузида сипоҳ.

Ба гоҳе ки боди сапедадамон
Ба кох орад аз боғ бӯи гулон,[3]

Фиристод бар ҳар гӯе дидабон,
Чунон чун буд оини озодагон.

Биёмад савореву гуфташ ба шоҳ,
Ки «Шоҳо, ба наздикӣ омад сипоҳ.

Сипоҳест, эй шаҳрёри замин,
Ки ҳаргиз чунон н-омад аз Турку Чин.

Ба наздикии мо фуруд омаданд,
Ба кӯҳу дару дашт хайма заданд».[4]

Сипаҳдорашон дидбон баргузид,
Фиристоду дида ба дида расид.

---

1. И – 422 – 424 нест.
2. И – Чу шаб рафту омад сапеда падид,
Бизад кӯс бар пилу лашкар кашид.
3. И –б. 430 нест.
4. И – 434 нест.

www.sattor.com

Пас озод Гуштосп шоҳи далер
Сипаҳбад-шро хонд фаррух Зарир.

Дурафше бад-ӯ доду гуфто: «Битоз,
Биёрой пилону лашкар бисоз!»

Сипаҳбад бишуд лашкараш рост кард,
Ҳама размн солори Чин хост кард.

Бидод он ҷаҳондор панҷаҳ ҳазор
Савори гузида ба Исфандёр.

Бад-ӯ дод як даст аз он лашкараш,
Ки шерӣ дилаш буду пилӣ бараш.

Дигар даст лашкар-шро ҳамчунин
Сипоҳе биёрост хубу гузин.[1]

Ба гурди гиромӣ супурд он сипоҳ,
Ки фарзанди ӯ буду ҳамтои шоҳ.

Куҷо шоҳ Шедасп хондиш ном
Сарафрозу гарданкашу шодком.[2]

Чу панҷаҳ ҳазор аз савори далер
Сипаҳбад-шро дод фаррух Зарир,

Бад-ӯ дод лашкар миёни сипоҳ,
Ки шери жаён буду ҳамтои шоҳ.

Паси пушти лашкар ба Настур дод,
Чароғи сипаҳдори фаррухнажод.

Чу лашкар биёрост, бар шуд ба кӯҳ,
Ғамӣ гашта аз ранҷу гашта сутӯҳ.

Нашаста бар он хуб тобанда гоҳ,
Ҳаме кард аз он ҷо ба лашкар нигоҳ.

1. И – боофарин.
2. ИМ – б. 443 нест.

www.sattor.com

Пас Арҷосп - шоҳи саворони Чин
Биёрост лашкар-шро ҳамчунин.

Ҷудо кард аз ӯ халлухӣ сад ҳазор,
Ҷаҳонозмуда, набардасавор.

Фиристодашон назди он Бедирафш,
Ки кӯси меҳӣ дошту заррин дурафш.

Бад-ӯ дод як даст аз он лашкараш,
Ки шери яла н-омадӣ ҳамбараш.

Дигар дастро дод бар Гургсор,
Бидодаш савори гузин сад ҳазор,

Миёнгоҳи лашкар-шро ҳамчунин
Сипоҳе биёрост хубу гузин.

Бидодаш бад-он ҷодуи хешком,
Куҷо Номхост аз далерон-ш ном.

Худу садҳазорон савори гузин[1]
Намуда ҳама дар ҷаҳон дасти кин,[2]*[3]

Нигоҳаш ҳаме дошт пушти сипоҳ,
Ҳаме кард ҳар сӯ ба лашкар нигоҳ.

Писар дошташ як гаронмоя мард,
Ҷаҳондидаву сарфарози набард.

Савори гаронмоя, номаш Куҳарм,
Расида басе бар сараш сарду гарм.

Мар он пури худро нигаҳдор кард,
Бад-он лашкаророй солор кард.

1. И – Саворони гурд.
2. И – дастбурд.
3. М – Дигар сад ҳазораш саворони гурд,
Намуда ҳаме дар ҷаҳон дастбурд.

www.sattor.com

ОҒОЗИ РАЗМИ ЭРОНИЁНУ ТУРОНИЁН ВА КУШТА ШУДАНИ АРДАШЕРУ ШИРӮ ВА ШЕДАСП

Чу андаргузашт он шабу гашт рӯз,
Битобид хуршеди гетифурӯз,[1]

Ба зин барнишастанд ҳарду сипоҳ,
Ҳаме дид аз он кӯҳ Гуштоспшоҳ.

Чу аз кӯҳ дид он шаҳи б-офарин,
Ки андарнишастанд гурдон ба зин,

Сияҳранг Беҳзодро пеш хост,
Ки гуфтӣ кӯҳи Бесутун аст рост.

Бар ӯ барфикананд баргустувон,
Бар ӯ барнишаст он гави паҳлавон.[2]

Чу сафҳои гурдон биёростанд,
Ялон ҳамнабардон ҳаме хостанд.

Бикарданд як тирборон нахуст
Ба сони тагарги баҳорон дуруст.

Бирафт[3] офтоб аз ҷаҳон нопадид,
Чӣ донад касе, к-он шигифтӣ надид?

Бипӯшида шуд чашмаи офтоб
Зи пайконҳои дурафшон чу об

Ту гуфтӣ ҳаво абр дорад ҳаме
В-аз он абр алмос борад ҳаме.

В-аз он гурздорону найзаварон,
Ки метохтандӣ бар ину бар он,

1. И –б. 461 нест.
2. И –б. 463 – 465 нест.
ТПИМ – Чу лашкар баробар фуруд омаданд,
Абар пил-бар нои рӯин заданд.
3. ИЛМ –Бишуд.

www.sattor.com

Ҳаво з-ин ҷаҳон буд шабгун шуда,
Замин сарбасар пок пурхун шуда.[1]

Биёмад нахуст он савори ҳужир
Пуси шаҳрёри ҷаҳон - Ардашер.

Ба овардгоҳ рафт чун пили маст,
Ту гуфтӣ магар Туси испаҳбад аст.

475 Бад-ин сон ҳаме гашт пеши[2] сипоҳ,
Набуд огаҳ аз бахши хуршеду моҳ.

Биёмад яке новакаш бар миён,
Гузоранда шуд бар силеҳи каён.

Зи бӯр - андар афтод хусрав нагун,
Тани покаш олуда шуд, пур зи хун.

Дареғ он накӯрӯи тобон чу моҳ,
Ки бозаш надид он хирадманд шоҳ.

Биёмад пас озода Шерӯ чу гард,
Дилаш гашт пурхуну рухсор зард.

480 Ба пеш - андар омад ба даст - андаро
Ба захр обдода яке ханҷаро.

Ғиреве*[3] баровард бар сони шер,
Басе душман овард чун гӯр зер.

Абар кини он шоҳзода савор
Бикушт аз саворони душман[4] ҳазор.

Ба ҳангомаи бозгаштан зи ҷанг,
Ки рӯи замин карда буд ранг-ранг.

---

1. И –б. 472 нест.
2. Л –гирди.
3. М – Хурӯше.
4. И – ҷангӣ.

www.sattor.com

Биёмад яке тираш андар қафо,
Бияфтод он шоҳзода зи по.[1]

Дареғ он набарда гаронмоя гурд,
Ки нодида боз он падарро бимурд.

Биёмад пасаш боз Шедаспи шоҳ,
Ки монандаи шоҳ буд ҳамчу моҳ.

Яке борае барнишаста чу нил,
Ба так ҳамчу оҳу, ба тан ҳамчу пил.

Ба овардагаҳ рафту найза бигошт,
Чу лахте бигардиду бора бидошт,

Бигуфто: «Кадом аст Кӯҳрам сутург,
Куҷо пайкараш пайкари бабру гург?»

Биёмад яке деву гуфто: «Манам,
Ки бо гурсуна шер дандон занам».

Ба найза бигаштанд ҳар ду чу бод,
Бизад туркро найзае шоҳзод.

Аз асп андар оварду бибрид сар-ш,
Ба хок андарафканд заррин камар-ш.

Ҳаме гашт дар пеши гурдони Чин,
Ба сони яке кӯҳ бар пушти зин.

Ҳамоно чун ӯ низ дида надид,
Зи хубӣ куҷо буд, чашмаш расид.

Яке турк тире бар ӯ - бар кушод,
Шуд он хусрави шоҳзода ба бод.

Дареғ он шаҳи парварида ба ноз,
Шуда рӯи ӯ боб нодида боз.[2]

1. ИЛ – Шуд он хусрави шоҳзода фано.
2. И – б. 492 – 495 нест.

www.sattor.com

КУШТА ШУДАНИ ГИРОМӢ ПУРИ ҶОМОСП ВА НЕВЗОР

Биёмад пас аз сарварони сипоҳ,
Пуси[1] Таҳм Ҷомосп дастури шоҳ.

Набарда саворе Гиромиш ном,
Ба монандаи пури Дастони Сом.

Яке чармае*[2] барнишаста саманд,
Накӯ гомзан бораи бегазанд.

Ба пеши сафи чиниён истод,
Худованди додорро кард ёд.

«Кадом аст, гуфт, аз шумо шердил,
Ки ояд сӯи найзаи ҷонгусил?

Куҷо бошад он ҷодуи хешком,
Куҷо Номхост аз ҳазорон-ш ном»?

Бирафт он замон пеши ӯ Номхост,
Бар он асп гуфтӣ, ки кӯҳа-ст рост.

Бигаштанд ҳарду савори ҳужир,
Ба гурзу ба найза, ба шамшеру тир,

Гиромӣ гаве буд бо зӯри шер,
Натобид бо ӯ савори далер.[3]

Гирифт аз Гиромӣ набарда гуреғ,
Ки зӯри каён диду бурранда теғ.

Гиромӣ хиромид бо хашми тез,
Дил аз кинаи хастагон пурситез,

Миёни сафи душман - андар фитод,
Пас аз домани кӯҳ бархост бод.

1. И – писар.
2. М – Чарма.
3. И –б. 505 нест.

www.sattor.com

Сипоҳ аз ду сӯ дар ҳам овехтанд,
Пас аз домани кӯҳ бархост бод.

Сипоҳ аз ду сӯ дар ҳам овехтанд,
Яке гарди тира барангехтанд.

Бад-он шӯриш андар миёни сипоҳ,
Аз он захми шамшеру гарди сиёҳ

Бияфтод аз дасти эрониён
Дурафши фирӯзандаи ковиён.

Гиромӣ бидид*[1] он дурафши чу нил,
Ки афканда буданд аз пушти пил,

Фуруд омаду баргирифташ зи хок,
Бияфшонд аз ӯ хоку бистурд пок.

Чу ӯро бididанд гурдони Чин,
Ки он найзаи номдори гузин

Аз он хок бардошт, бистурд бурд,
Ба гирдаш гирифтанд мардони гурд.

Ба гирдаш зи ҳар сӯ ҳаме тохтанд,
Ба шамшер досташ бияндохтанд,

Дурафши Фаридун ба дандон гирифт,
Ҳаме зад ба як даст гурз, эй шигифт!

Саранҷоми*[2] кораш бикуштанд зор,
Бад-он гармхокаш фикананд хор.

Дареғ он набарда савори далер,
Ки бозаш надид он хирадманд пир.[3]

Биёмад ҳам он гоҳ Настури шер,
Набарда каёнзода пури Зарир.

1. М – чу дид.
2. Ба фарҷоми.
3. И –б. 519 нест.

www.sattor.com

Бикушташ басе душманон бешумор,
Ки омӯхта буд аз падар корзор.

Саранҷом баргашт пирӯзу шод,
Ба пеши падар боз шуд истод.

Биёмад паси ӯ гузида савор,
Пуси шаҳрёри ҷаҳон Невзор.

Ба зер-андарун тезрав шулаке,
Ки н-ояд чунон аз ҳазорон яке.[1]

Биёмад бад-он тира овардгоҳ,
Ба овоз гуфт: «Эй гузида сипоҳ,[2]

Кадом аст мард аз шумо номдор,
Ҷаҳондидаву гурду найзагузор?

Ба пеш оядам зуд найза ба даст,
Ки дар пешатон марди мард омадаст».

Саворони Чин пеши ӯ тохтанд,
Барафканданашро ҳаме сохтанд.[3]

Савори ҷаҳон Невзори далер
Чу пили дижогоҳу дарранда шер[4]

Ҳаме гашт бар гирди гурдони Чин,
Ту гуфтӣ ҳаме дарнавардад замин.[5]

Бикушт аз гавони ҷаҳон шаст мард,
Ҳама парварида ба гарди набард.

Пас анҷомаш[6] омад яке тири чарх,
Чунин омада будаш аз чарх барх.

1. И – ҳазор андаке.
2. Л –б. 525 нест.
3. И – Дар афганданаш чора месохтанд.
4. И –чун наррашер.
5. И –б. 530 нест.
6. ИЛМ – саранҷомаш.

www.sattor.com

Бияфтод аз он шулаки хубранг,
Бимурду бирафт, ин-т фарҷоми ҷанг.

Дареғ он савори гаронмоя шер,
Ки афканда шуд ройгон хир-хир.

Чи ҳамчун падар буд ҳамтои ӯй,
Дареғ он накӯ рӯю болои ӯй.[1]

Чу кушта шуд он хубчеҳра савор,
Зи гурдон ба гирдаш ҳазорон ҳазор,

Ба ҳар гӯшае дар ҳам овехтанд,
Зи рӯи замин гард ангехтанд.

Баромад бар ин размкардан ду ҳафт,
К-аз эшон саворе замоне нахуфт.

Заминҳо пур аз куштаву хаста буд,
Раҳи бодро гард барбаста буд.

Дару даштҳо шуд ҳама лолагун,
Ба дашту биёбон ҳаме рафт хун.[2]

КУШТА ШУДАНИ ЗАРИР - БАРОДАРИ ГУШТОСП АЗ ДАСТИ БЕДИРАФШ

Ду ҳафта баромад бар ин корзор,
Ки ҳазмон ҳаме тезтар гашт кор.

Ба пеш андаромад Зарири далер,
Саманди бузург андароварда зер.

Ба лашкаргаҳи душман андарфитод,
Чу андар гиё оташи тезу бод.

1. И –б. 535 нест.
2. И –б. 539, 540 нест.
ТПЛМ – Чунон шуд зи бас кушта он размгоҳ,
Ки кас менаёраст* рафтан ба роҳ.
* Л – мушкил тавонист.

www.sattor.com

Ҳаме кушт аз эшону мехобанид,
Бари ӯ наистод, ҳар к-аш бидид.

Чу Арҷосп донист, к-он пури шоҳ
Басе номдорон, ки кардаш табоҳ,

Бад-он лашкари хеш овоз дод,
Ки «Барбод хоҳед Халлух ба бод.

Ду ҳафта баромад бар ин-бар диранг,
Набинам ҳаме рӯи фарҷоми ҷанг.

Бикарданд гурдони Гуштоспшоҳ,
Басе номдорони лашкар табоҳ.[1]

Кунун андаромад миён-тон Зарир,
Чу гурги дижогоҳу дарранда шер,

Бикушташ ҳама пок мардони ман,
Сарафроз туркону[2] гурдони ман.

Яке чора бояд сиголидано,
Вагарна раҳи турк молидано,

Ки ин гар бидорад замоне чунин,
На Оёс монад, на Халлух, на Чин.[3]

Кадом аст мард аз шумо номхоҳ,
Ки ояд падид аз миёни сипоҳ?

Яке мардворе хиромад ба пеш,
Ханида кунад дар ҷаҳон номи хеш?[4]

Мар ӯро диҳам духтари хешро,
Супорам бад-ӯ лашкари хешро».

1. И –б. 547, 548 нест.
2. И –Саворону хешону.
3. И –б. 552 нест.
4. ТПЗИМ – Ҳар он к-аз миён бора берун занад,
Ба гирд-андараш пеши гардун занад.

www.sattor.com

Сипоҳаш надоданд посух-ш боз,
Битарсида буд лашкараш з-он гуроз.

Пас он гаҳ даромад чу гурги жаён
Зарири сипаҳбад, ҷаҳонпаҳлавон[1].

Чу шер андарафтоду чун пили маст
Ҳаме куштанову ҳаме кард паст[2].

Чу Арҷосп дид, он замон хира шуд,
Ки рӯзи сапедаш ҳаме тира шуд.

Дигарбора гуфт: «Эй бузургони Чин,
Тагинону шоҳону гурдони Чин,

Набинед[3] хешону пайвастагон,
Набинед[4] нолидани хастагон?

Ба зери паи он ки ҳаст оташӣ,
Ки сомиш гурз асту тир орашӣ,

Ки таффаш бисӯзад ҳаме лашкарам,
Кунун барфурӯзад ҳаме кишварам[5].

Кадом аст мард аз шумо чирадаст,
Ки берун шавад пеши он пили маст?

Ҳар он к-ӯ бад-он гурдкуш ёзадо,
Мар ӯро аз он бора биндозадо,

Яке ганҷи пурзарр биспорамаш,
Кулоҳ аз бари чарх бугзорамаш».

Ҳам эдун надод эч кас посухаш,
Бибуд хираву зардгун шуд рухаш.

---

1. Л –б. 557 нест.
2. ТПЗЛ – Ҳаме кӯфташон ҳар сӯе зери пой
   Сипаҳдори Эрону гурдонхудой.
3. Л –Бубинед.
4. Л – Чунин зор.
5. И –б. 561 – 563 нест.

www.sattor.com

Се бор ин суханҳо бар эшон биронд,
Чу посух наёмад-ш, хомуш бимонд.

Биёмад пас он Бедирафши сутург,
Палиде, саге, ҷодуе пиргург.

Ба Арҷосп гуфт: «Эй бузург[1] офтоб,
Ба беху ба бун[2] ҳамчу Афросиёб,

Ба пеши ту овардам ин ҷони хеш,
Сипар кардам ин ҷони ширин ба пеш.

Шавам пеши он пили ошуфта маст,
Гар эдун ки ёбам бар он пил даст.

Ба хок афканам пеши ин*[3] шаҳрёр,
Ба ман бидҳад он лашкари бешумор».

Аз ӯ шод шуд шоҳу кард офарин,
Бидодаш бад-ӯ бораи хешу зин,

Ҳамон тез жупини заҳробдор,
Ки бар оҳанинкӯҳ кардӣ гузор.

Шуд он ҷодуи зишту нопоктан
Ба назди Зарир-он сари анҷуман[4].

Чу аз дур дидаш бар он саҳму хашм,
Пур аз хок ришу пур аз гард чашм,

Ба даст-андарун гурз чун Соми ял,
Ба пеш-андарун кушта чун кӯҳ тал,

Наёраст рафтан-ш дар пеши рӯй,
Зи пинҳон ҳаме тохт бар гирди ӯй.

1. ИЛ – баланд.
2. Л –фарру ба ман; И – ба тан.
3. М –танаш гар.
4. ИЛ –б. 576 нест.

www.sattor.com

Зи пинҳон бад-он шоҳзода савор
Бияндохт жӯпини заҳробдор[1].

Гузора шуд аз хусравӣ ҷавшанаш,
Ба хун тар шуд он шаҳрёрӣ танаш[2].

Бияфтод аз асп - андарун шаҳрёр,
Дареғ он ҷавон,*[3] шоҳзода савор.

Фуруд омад он бедирафши палид,
Силеҳаш ҳама пок берун кашид.

Сӯи шоҳ бардошт аспу камар-ш,
Дурафшу накӯ афсари пургуҳар-ш.

Сипоҳаш ҳама бонг бардоштанд,
Дурафш аз бари пил бугзоштанд.

Чу Гуштосп аз кӯҳсар бингарид,
Ба гирд андарун моҳи гурдон надид,

Гумоне барам гуфт, к-он гурдмоҳ,
Ки равшан будӣ з-ӯ ҳамеша сипоҳ,

Набарда бародар-м фаррух Зарир,
Ки шери жаён оваридӣ ба зер,

Фикандаст аз асп, к-аз тохтан,
Бимонданд гурдону з-андохтан.

Наёмад ҳаме бонги маҳзодагон,
Магар кушта шуд шоҳи озодагон.

Ҳаюне битозид то размгоҳ,
Ба наздикии он дурафши сиёҳ.

---

1. И –б. 580 нест.
2. И – пас аз б. 581 ин б. омада:
   Ба як захм жӯпин бар ӯ кор кард
   В-аз он пушти аспаш нагунсор кард.
3. М – ончунон.

www.sattor.com

Бубинед, к-он шоҳи ман чун шудаст,
Ки аз доғи ӯ дил пур аз хун шудаст.

Бад-ин - андарун буд шоҳи ҷаҳон,
Ки омад яке хун зи дида чакон.

Ба шоҳи ҷаҳон гуфт: «Моҳи туро,
Нигаҳдори тоҷу сипоҳи туро

Ҷаҳонпаҳлавон он Зарири савор,
Саворони туркаш[1] бикуштанд зор.

Сари ҷодувони ҷаҳон Бедирафш
Мар ӯро бияфканду бурд он дурафш.

Чу огоҳии куштани ӯ расид,
Ба шоҳи ҷаҳон марг омад падид.

Ҳама ҷома то пой бидрид пок,
Бад-он тоҷи хуррам бипошид хок.

Чунин гуфт донанда Ҷомоспро,
«Чӣ гӯям кунун шоҳ Лӯҳроспро?

Чигуна фиристам фириста ба дар,
Чӣ гӯям бад-он пиргашта падар?

Чӣ гӯям чӣ кардам нигори туро,
Кӣ бурд он набарда савори туро?[2]*[3]

Дареғ он гави шоҳзода, дареғ,
Чу тобанда моҳ андарун шуд ба меғ.

Биёред гулгуни лӯҳроспӣ,
Ниҳед аз бараш зини гуштоспӣ.

1. ИЛ – туркон.
2. И – б. 600-601 нест.
3. М – б. 601 нест.

www.sattor.com

Биёрост мар*[1] ҷустани кин-шро,
Биварзидани*[2] дину оин-шро»[3]

Ҷаҳондида дастур гуфташ би пой,
«Ба кина шудан*[4] мар туро нест рой».

Ба фармони дастури донои роз
Фуруд омад аз аспу биншаст боз[5].

Ба лашкар бигуфто: «Кадом аст шер,
Ки боз оварад кини фаррух Зарир?

Кӣ пеш афканад бора бар кини ӯй,
Кӣ боз оварад бораву зини ӯй?[6]

Пазируфтам ин аз Худои ҷаҳон,
Пазируфтани ростону меҳон,

Ки ҳар к-аз миёна ниҳад пеш пой,
Мар ӯро диҳам духтарамро Ҳумой.

Зи лашкар наёвард кас пой пеш,
Наҷунбид з-эшон кас аз ҷои хеш.

ОГОҲӢ ЁФТАНИ ИСФАНДЁР АЗ КУШТА ШУДАНИ ЗАРИР

Пас[7] огоҳӣ омад ба Исфандёр,
Ки кушта шуд он шоҳзода савор.

Падар-т аз ғами ӯ бикоҳад ҳаме,
Кунун кини ӯ хост хоҳад ҳаме.

1. М –Бисозам ҳаме.
2. М –биварзам ҳаме.
3. ТПЗ – Шавам, кинаи ӯ бихоҳам ҳаме,
   Ки аз дарди ӯ ман бикоҳам ҳаме.
   Бисозам ҳаме ҷустани кин-шро.
   Биварзам ҳаме дину оин-шро.
4. М –кин хостан.
5. Л –б. 606 нест.
6. И – 608 нест.
7. И – Чу.

www.sattor.com

Гави номвар даст бар даст зад,
Чӣ пиҳон кунад гуфт ҳангоми бад.

Чун ӯро ба разм-андарун дидаме,
Ҳамеша[1] аз ин[2] рӯз тарсидаме.

Дареғо саворо, гаво, меҳтаро,
Ки бахташ ҷудо кард тоҷ аз саро[3].

Кӣ кушт он шаҳи пил Настӯҳро,
Кӣ канд аз замин[4] оҳанин кӯҳро?

Дурафшу паси лашкару ҷои хеш
Бародар-шро доду худ рафт пеш.

Ба қалб - андар омад, миёнро бубаст,
Гирифт он дурафши ҳумоюн ба даст.

Бародар-ш буд панҷ зебои гоҳ,
Ҳама номдорону ҳамтои шоҳ.

Ҳама истоданд дар пеши ӯй,
Ки лашкаршикастан будӣ кеши ӯй.

Ба озодагон гуфт пушти сипоҳ,
Ки «Эй номдорону пурони шоҳ,

Нигар, то чӣ гӯям, накӯ бишнавед,
Ба дини Худои ҷаҳон бигравед.

Бидонед шоҳон, ки рӯзест ин,
Ки баддин падид ояд аз покдин.

Нигар, то натарсед аз маргу чиз,
Ки кас безамона намурдаст низ.

---

1. Л – ҳама рӯз.
2. И – ҳама сола з-ин.
3. И –б. 616 нест.
4. Л –барканд он.

www.sattor.com

Вагар гашт хоҳад ҳаме рӯзгор,
Чӣ некӯтар аз марг дар корзор.

Шумо аз паси куштагон мангаред,
Маҷӯед фарёду сар машмаред.

Нигар, то набинед бугрехтан,
Нигар, то натарсед аз овехтан[1].

Сари найзаҳоро ба разм афканед.
Замоне бикӯшеду мардӣ кунед,

Агар кор бандед фармони ман,
Бимонад бад-ин колбуд ҷони ман,

Шавад номатон дар ҷаҳон-дар бузург,
Бимирад ҳама лашкари пиргург».

Бад-ин андарун буд Исфандёр,
Ки бонги падар-ш омад аз кӯҳсор,

Ки «Эй номдорону гурдони ман,
Ҳама мар маро чун тану ҷони ман,

Матарсед аз найзаву тиру теғ,
Ки аз бахши мо нест рӯи гуреғ.

Ба дини Худову гав[2] Исфандёр,
Ба ҷони Зарир он гиромӣ савор,

Ки акнун фуруд омад андар биҳишт,
Ба ман шоҳ Лӯҳросп нома навишт.

Пазируфтаам ман аз он шоҳи пир,
Ки гар бахти некам бувад дастгир,

Ки чун боз гардам аз ин размгоҳ,
Ба Исфандёрам диҳам тоҷу гоҳ.

1. И –б. 629 нест.
2. И – Худованду.

www.sattor.com

Чунон чун падар дод шоҳӣ маро,
Диҳам ҳамчунон тоҷи шоҳӣ варо.

Сипаҳро ҳама бо Башутан диҳам,
Варо хусравӣ тоҷ бар сар ниҳам».

РАФТАНИ ИСФАНДЁР БА ҶАНГИ АРҶОСП

Чу Исфандёр он гави пилтан,
Худованди аврангу босаҳм тан

Аз он кӯҳ бишнид бонги падар
Ба зорӣ ба пеш - андар афканд сар.

Хиромиду найза ба чанг-андарун,
Зи шарми падар сар фиканда нагун.

Яке дизае барнишаста баланд,
Ба сони яке деви ҷаста зи банд.

Бад-он лашкари душман андарфитод,
Чунон к-андарафтад ба гулбарг бод.

Ҳаме кушт аз эшону сар мебурид,
Зи бимаш ҳаме мурд, ҳар к-аш бидид.

Ва Настур пури Зарири савор,
Зи хайма хиромид зӣ аспдор.

Яке аспи осудаи тезрав,
Ҷаҳанда яке кӯҳу оганда хав.

Бихосташ аз он аспдори падар,
Ниҳод аз бари ӯ яке зини зар[1].

Биёросту баргустувон барфиканд,
Ба фитрок баст он каёнӣ каманд.

Бипӯшид ҷавшан, бар-ӯ барнишаст,
Ба майдон хиромиду найза ба даст

1. И –б. 698, 699 нест.

www.sattor.com

Аз он сӯ хиромид то размгоҳ,
Сӯи боби кушта ҳаме ҷуст роҳ.

Ҳаме тохту он бораро тез кард,
Ҳаме охт кина, ҳаме кушт мард.

Аз озодагон ҳар кӣ дидӣ ба роҳ,
Бипурсидӣ аз номдори сипоҳ.

Куҷо уфтодаст гуфтӣ Зарир,
Падар-м он набарда савори далер?[1]

Яке мард буд, номи ӯ Ардашер,
Савори гаронмояи гурдгир.

Бипурсид аз ӯ роҳ фарзанди хурд,
Сӯи бобакаш роҳ бинмуд гурд.

Фикандаст, гуфто, миёни сипоҳ,
Ба наздикии он дурафши сиёҳ.

Бирав зуд, к-он ҷо фитодаст ӯй,
Магар боз биниш якбора рӯй.

Пас он шоҳзода барангехт бӯр,
Ҳаме кушт марду ҳаме кард шӯр.

Ҳаме тохташ то бари ӯ расид,
Чу ӯро бад-он хок кушта бидид,[2]

Бирафташ дилу ҳуш в-аз пушти зин
Фиканд аз бараш хештан бар замин.

Ҳаме гуфташ: «Эй моҳи тобони ман,
Чароғи дилу дидаву ҷони ман.

---

1. И –б. 665 нест.
2. ТПЗИЛ – Бидид он рухонаш, чу наздик шуд,
Ҷаҳонбини ӯ низ* торик шуд.
*Л – ҷаҳон пеши ӯ гӯри.

www.sattor.com

Бад-он ранҷу сахтӣ бипарвардиям,
Кунун чун ки рафтӣ, ба кӣ с-пурдиям?

Туро то сипаҳ дод Лӯҳроспшоҳ,
Ва Гуштоспро дод гоҳу кулоҳ,

Ҳаме лашкару кишвар оростӣ,
Ҳаме размро б-орзу хостӣ.[1]

Ба комат[2] ба гетӣ барафрӯхт[3] ном,
Шудӣ куштаву норасида ба ком.

Шавам зӣ бародар-т фархунда шоҳ,
Фуруд ой гӯям аз ин хуб гоҳ,

Ки аз ту на ин буд сазовори ӯй,
Бирав, кинаш аз душманон бозҷӯй».

Замоне бар ин сон ҳаме буд дер,
Пас он борагӣ андаровард зер.

Ҳаме рафт бо бонг то пеши*[4] шоҳ,
Ки биншаста буд аз бари хубгоҳ.[5]

Шаҳи Хусравон гуфт: «Эй ҷони боб,
Чаро кардаӣ дидагонро пуроб?»

Каёнзода гуфт: «Эй ҷаҳондор шоҳ,
Бирав кинаи боби ман бозхоҳ,[6]

Ки мондаст шоҳам бар он хок хушк,
Сияҳ риши ӯ парварида ба мушк».

Чу аз пур бишнид шоҳ ин сухун,
Сиёҳаш бибуд рӯзи равшан зи бун.

---

1. И – 665, 666 нест.
2. И – кунун к-ат.
3. И – бияфрӯхт.
4. М – наздики.
5. И –б. 669 – 671 нест.
6. Л –б. 672 нест.

www.sattor.com

Чаҳон бар ҷаҳондор торик шуд,
Тани пилвореш борик шуд.

«Биёред гуфто сипоҳи маро,
Набарда қабову кулоҳи маро,

Ки имрӯз ман аз паи кини ӯй
Биронам зи хуни ялон чанд ҷӯй.

Яке оташ андозам андар ҷаҳон,
К-аз ин ҷо ба кайвон расад дуди он».

Чу гурдон бидиданд аз размгоҳ,
Аз он тира*[1] овардагоҳи сипоҳ,

Ки хусрав басечидаш оростан,
Ҳаме рафт хоҳад ба кин хостан,[2]

Набошем, гуфтанд ҳамдостон,
Ки шоҳаншаҳу кадхудои ҷаҳон,

Ба разм андар ояд ба кин хостан,
Чаро бояд ин лашкар оростан?

Гаронмоя дастур гуфташ ба шоҳ,
«Набояд-т рафтан бад-он кинагоҳ.[3]

Ба Настур деҳ бораи барнишаст,
Мар ӯро сӯи разми душман фирист.

Ки ӯ оварад боз кини падар,
Аз он к-аш ту бозоварӣ хубтар».

1. М – ин гуна.
2. ТПЗИМ – Ба овоз гуфтанд, эй шоҳи дин,
Набояд туро низ будан чунин.
Набояд туро, шоҳ, кин ҷустано,
Ки Арҷосп хоҳад ҳаме ҷастано.
*И –б. 1 нест.
3. И –б. 684 нест.

www.sattor.com

КУШТАНИ НАСТУР ВА ИСФАНДЁР БЕДИРАФШРО

Бидодаш бад-ӯ шоҳ Беҳзодро,
Сияҳ, ҷавшану хӯди пӯлодро.

Писар шоҳи кушта миёнро бубаст,
Сияҳранг Беҳзодро барнишаст.

Хиромид то дар миёни сипоҳ,*[1]
Нишаста бар он хубранги сиёҳ.

Ба пеши сафи душманон истод,
Ҳаме баркашид аз ҷигар сард бод.

«Манам,[2] – гуфт, -Настур пури Зарир,
Пазира наёяд маро наррашер.

Куҷо бошад он ҷодуи Бедирафш,
Ки ӯ дорад он ковиёнӣ дурафш?»

Чу посух надоданд озодро,
Барангехт шабранг Беҳзодро.

Бикушт аз тагинони лашкар басе,
Пазира наёмад мар ӯро касе.

В-аз ин сӯи дигар гав Исфандёр
Ҳаме кушташон бемару бешумор.

Чу солори Чин дид Настурро,
Каёнтухмаву паҳлавон пурро,

Ба лашкар бигуфт: «Ин кӣ шояд будан,
К-аз ин сон ҳаме найза[3] донад задан?

Бикушт аз ташнони ман бешумор,
Магар гашт зинда[4] Зарири савор?!

1. М – Хиромида омад сӯи размгоҳ.
2. И –ҳаме.
3. И – теғ.
4. ИМ – зинда гашт он.

www.sattor.com

Ки назди ман омад Зарир аз нахуст,
Бад-инсон ҳаме тохт бора дуруст.

Куҷо бошад он Бедирафши гузин,
Ҳам акнун сӯи*[1] ман-ш хонед ҳин.

Биёмад ҳам андар замон Бедирафш,
Гирифта ба даст он дурафши бунафш.

Нишаста бар он бораи хусравӣ,
Бипӯшида он ҷавшани паҳлавӣ.

Хиромид то назди Настуршоҳ,
Чароғи ҳама лашкару пури шоҳ.

Гирифта ҳамон теғи заҳробдор,
Ки афканда буд з-ӯ Зарири савор.

Бигаштанд ҳарду ба шамшеру тир,
Сари ҷодувон турку пури Зарир.

Пас огоҳ карданд аз он корзор
Пуси шоҳро - фаррух Исфандёр.

Ҳаме тохташ, то бад-эшон расид,
Сари ҷодувон чун мар ӯро бидид,[2]

Барафканд асп аз миёни набард,
Чу донист, к-аш бар сар афтод мард.

Бияндохт он заҳрхӯрда бар ӯй,
Магар, к-аш кунад тира рахшанда рӯй.

Наёмад бар ӯ теғи заҳробдор,
Гирифташ ҳамон теғ шоҳи савор.[3]

Задаш паҳлавонӣ яке бар ҷигар,
Чунон, к-аз дигар сӯ бурун кард сар.

1. М – бари.
2. И – б. 707 нест.
3. И –б. 710 нест.

www.sattor.com

Зи бора нагун андарафтоду мурд,
Бидид он каёнзодагӣ дастбурд.

Фуруд омад аз бора Исфандёр,
Силеҳи Зарир он гави номдор,

Аз он ҷодуи пир берун кашид,
Сарашро зи тан нима андарбурид.

Накӯранг аспи Зариру дурафш
Бибурду сари беҳунар Бедирафш.

Сипоҳи каӣ*[1] бонг бардоштанд,
Ҳама наъра аз чарх бугзоштанд,

Ки пирӯз шуд шоҳ, душман фиканд,
Бирафту биёвард аспи саманд.

Шуд он шоҳзода савори далер,
Сӯи шоҳ бурд он саманди Зарир.[2]

Сари пирҷоду ниҳодаш ба пеш,
Кушанда бикушт, инат оину кеш!

ГУРЕХТАНИ АРҶОСП АЗ КОРЗОР

Чу боз оварид он гаронмоя кин,
Бар аспи заририӣ барафканд зин,

Хиромид, то боз[3] овардгоҳ
Ба се баҳра кард он каёнӣ сипоҳ.

Аз он баҳраеро[4] ба Настур дод,
Яли лашкарафрӯзи[5] фаррухнажод.

Дигар баҳраро бо бародар супурд,
Бузургони Эрону мардони гурд.

1. М – Яксара.
2. Л –б. 718 нест.
3. Л – Хиромиду шуд то ба.
4. И – ин якеро.
5. И – Писар он сипаҳдори.

www.sattor.com

Севум баҳраро сӯи худ боз дошт,
Ки чун абри ғурранда овоз дошт.

Чу Настури гурданкаши поктан,
Чу Нӯшозар, он паҳлави размзан[1]

Ҳам эдун бубастанд паймон бар ин,
Ки гар теғи душман бидаррад замин,

Нагардем зинда аз ин ҷанг боз,
Надорем аз ин бадгумон чанг боз.

Ба зин-бар бубастанд танг устувор,
Бигуфтанду рафтанд зӣ корзор.

Чу эшон фиканданд асп аз миён,
Гавону ҷавонони эрониён

Ҳама яксар аз ҷой бархостанд,
Ҷаҳонро ба ҷавшан биёростанд.

Аз эшон бикуштанд чандон савор,*[2]
К-аз он танг шуд ҷои он корзор.*[3]

Чунон хун ҳаме рафт бар кӯҳу дашт,
К-аз он осиёҳо ба хун дарбигашт.

Чу Арҷосп он дид, омад ба пеш
Або номдорону мардони хеш.

Гави гурдкуш найза андарниҳод
Бар он наррадевони пайғунажод.

Ҳаме дӯхт-шон синаҳо то ба пушт,
Чунин то басе саркашонро бикушт.

1. ТПЗ – Ба ҳам истоданд дар пеши ӯй,
Ки лашкаршикастан будӣ кеши ӯй.
2. М – сипоҳ.
3. М – овардгоҳ.

www.sattor.com

Чу донист хоқон ки мондасту бас,[1]
Наёрад шудан пеши ӯ низ кас.

Сипаҳ ҷунб-ҷунбон шуду боз гашт,
Ҳаме буд, то рӯз андаргузашт,

Ҳам он гоҳ андар гурез истод,
Бишуд, рӯяш андар биёбон ниҳод.

Пас андарниҳоданд эрониён
Бад-он лашкари бемари чиниён.

Бикуштанд аз эшон зи ҳар сӯ басе,
Набахшудашон, эй шигифтӣ, касе!

БАХШОИШ ЁФТАНИ ТУРКОН АЗ ИСФАНДЁР

Чу туркон бидиданд, к-Арҷосп рафт,
Ҳаме омад аз ҳар сӯе теғи тафт,

Ҳама саркашон худ пиёда шуданд,
Ба пеши гав Исфандёр омаданд.

Камонҳои туркӣ бияндохтанд,
Қабои набардӣ бурун охтанд.

Ба зориш гуфтанд: Агар шаҳрёр
Диҳад бандагонро ба ҷон зинҳор,

Ба дин-андар оему пурсиш кунем,
Ҳама озаронро парастиш кунем.

Пас озодагон ин суханро ба низ
Набардоштанд эч гуна ба чиз.

Заданд теғу куштанд аз эшон ҳаме,
Ҷаҳон шуд зи хуншон дурахшон ҳаме.[2]

1. И – хоқони Чин з-он сипас.
2. И – б. 746, 747.

www.sattor.com

Чу овоз бишнид Исфандёр,[1]
Ба ҷону ба тан додашон зинҳор.

Бад-он лашкари фаррух овоз дод,
Гави пилтан шоҳи хусравнажод,

Ки «Эй номдорони эрониён,
Бигардед аз ин лашкари чиниён.

Кунун к-ин сипоҳи адӯ гашт паст,
Аз ин пас зи куштан бидоред даст,

Ки бас зору хоранду бечоравор,
Диҳед ин сагонро ба ҷон зинҳор.

Бидоред даст аз гирифтан кунун,
Мабандед касро, марезед хун.

Матозеду ин куштагон маспаред,
Бигардеду он хастагон бишмаред.

Магиредашон баҳри ҷони Зарир,
Бар аспони ҷангӣ мапоед дер.[2]

Чу лашкар шуниданд овои ӯй,
Шуданд аз бари хастагон б-орзӯй.[3]

Ба лашкаргаҳи худ фуруд омаданд,
Ба пирӯзгаштан табира заданд.

Ҳама шаб нахуфтанд аз хуррамӣ,
Ки пирӯзие будашон рустамӣ.

Чу андаргузашт он шаби тирагун,
Ба дашту биёбон ҳаме рафт хун.

1. Л – Аз он пас чу бишнид овои зор.
2. И – б. 754, 755 нест.
3. Л – б. 754-756 нест.

www.sattor.com

Каи номвар бо сарони сипоҳ
Биёмад ба дидори он размгоҳ.[1]

Ҳаме гирди он куштагон - бар бигашт.
Киро дид, бигристу андаргузашт.

Бародар-шро дид кушта ба зор,
Бар овардгаҳ-бар дарафканда хор.

Чу ӯро чунон зору кушта бидид,
Ҳама ҷомаи хусравӣ бардарид.

Фуруд омад аз шулаки хубранг
Ба риши худ-андар зада ҳар ду чанг.

Ҳаме гуфташ эй шоҳи гурдони Балх,
Ҳама зиндагонӣ бикардем талх.

Дареғо, нигоро, меҳо, хусраво,
Набарда саворо, гузида гаво,

Сутуни мано, пардаи кишваро,
Чароғи каӣ, афсари лашкаро.

Фароз омаду баргирифташ зи хок
Ба дасти худаш рӯй бистурд пок.[2]

Ба тобути зарринаш - андар ниҳод,
Ту гуфтӣ Зарир аз буна худ назод.

Гав-озодагон бо ҷавонони хеш
Ба тобутҳо - андар афканд пеш.

Бифармуд, то куштагон бишмаранд,
Касеро, ки хаста-ст, берун баранд.

Бигаштанд бар гирди он размгоҳ,
Ба дашту ба кӯҳу биёбону роҳ.

1. И – б. 759, 760 нест.
2. И – б. 768 нест.

www.sattor.com

Аз эрониён кушта буд сӣ ҳазор,
Ҳазору саду шасту шаш номдор.

Ҳазору чиҳил номвар хаста буд,
Ки аз пои пилон бурун ҷаста буд.

В-аз он душманон кушта буд сад ҳазор,
Аз он ҳаштсад саркашу номдор.[1]

Дигар хаста буд се ҳазору дувист,
Чунон ҷои бад, то тавонӣ, маист.

БОЗОМАДАНИ ГУШТОСП БА БАЛХ

Каи номбардор фархунда шоҳ
Сӯи гоҳ боз омад аз размгоҳ.

Ба Настур гуфто, ки «Фардо пагоҳ
Сӯи кишвари номвар каш сипоҳ».[2]

Гузида сипаҳбад ҳам аз бомдод
Бизад кӯсу лашкар буна барниҳод.

Ба Эронзамин боз карданд рӯй,
Ҳама чирадил гаштаву размҷӯй.

Мар он хастагонро бибурданд низ,
Наҳиштанд аз он хаставу кушта чиз.

Ба Эронзамин боз бурдандашон,
Ба доно пизишкон супурдандашон.

Чу шоҳи ҷаҳон боз шуд боз ҷой,
Ба пури меҳин дод фаррух Ҳумой.

Сипаҳро ба Настури фархунда дод,
Аҷамро чунин буд оину дод.

1. Л – б. 774, 775 нест.
2. И – б. 778 нест.

www.sattor.com

Бидодаш аз озодагон даҳ ҳазор
Савори ҷаҳонҷӯву*[1] найзагузор.

Бифармуду гуфт: «Эй гави найзабоз,
Яке то бари шоҳи туркон битоз.

Ба Оёсу Халлух ҳаме*[2] баргузар,
Бикуш, ҳар кӣ ёбӣ ба кини падар».[3]

Зи ҳарч-аш бибоист, будаш ба кор,
Бидодаш ҳама бемару бешумор.*[4]

Ҳам он гоҳ Настур бурд он сипоҳ
Ва шоҳи ҷаҳон аз бари тахту гоҳ

Нишасту каӣ тоҷ бар сар ниҳод,
Сипаҳро ҳама яксара бор дод.

Дари ганҷ букшод в-аз хоста,
Сипаҳро ҳаме кардаш ороста.

Саронро ҳама шаҳрҳо дод низ,
Касеро наҳишт эч нодода чиз.

Киро подшоҳӣ сазо буд, бидод,
Киро поя боист, поя ниҳод.

Чу андархури корашон дод соз,
Сӯи хонаҳошон фиристод боз.

Хиромид бар гоҳу бора бубаст,
Ба гоҳи шаҳаншоҳӣ - андар нишаст.

Бифармуд, то озар афрӯхтанд,
Бар ӯ уди ҳиндӣ ҳаме сӯхтанд.

1. М – Саворони ҷангиву.
2. М – Бар атрофи Халлухситон.
3. И –б. 787 нест.
4. М – Бифармуд додан ҳаме шаҳрёр.

www.sattor.com

Заминаш бикарданд аз зарри пок,
Ҳама ҳезумаш уду анбар-ш хок.

Ҳама кори ӯро баандом кард,
Пасаш Хони гуштоспӣ ном кард,

Бифармуд, то бар дари гунбадаш
Ниҳоданд Ҷомоспро мӯбадаш.

Сӯи кордонон-ш нома навишт,
Ки моро Худованд ёфа наҳишт.

Шабони сияҳ, тирамон рӯз кард,
К-амон бар ҳама ком[1] пирӯз кард.[2]

Ба нафрин шуд Арҷоспу мо б-офарин,
Кӣ донад чунин ҷуз ҷаҳонофарин.

Чу пирӯзии шоҳатон бишнавед,
Газите ба озарпарастон диҳед.

Чу огоҳ шуд Қайсар - он шоҳи Рум,
Ки фаррух шуд он шоҳу Арҷоспи шум,

Фириста фиристод бо хоста,
Ғуломону аспони ороста.

Шаҳи Барбаристону шоҳони Ҳинд,
Газиташ бидоданду шоҳони Синд.

ФИРИСТОДАНИ ГУШТОСП ИСФАНДЁРРО БА ҲАМА КИШВАР ВА ДИНИ БЕҲ ГИРИФТАНИ ЭШОН АЗ Ӯ

Гави номбардори беҳрӯзгор
Нишаста ба тахти каи номдор,

1. И – Абар душманон ҷумла.
2. Л –б. 801 нест.

www.sattor.com

Гузинони кишвар-шро бор дод,
Бузургону шоҳони меҳтарнажод.

Зи пеш андаромад гав Исфандёр
Ба даст - андарун гурзаи говсор.

Ниҳода ба сар-бар каёнӣ кулоҳ,
Ба зери кулоҳаш ҳаме тофт моҳ.

Биистод дар пеши вай бандафаш,
Сарафкандаву даст карда ба каш.

Чу шоҳи ҷаҳон рӯи ӯро бидид,
Зи ҷону ҷаҳонаш ҳаме баргузид.

Бихандид гуфт: «Эй ял Исфандёр,
Ҳаме орзу ноядат корзор?»

Яли теғзан гуфт: «Фармон туросӣ,
Ки ту шаҳрёриву кайҳон туросӣ».

Каи номвар тоҷи заррин-ш дод,
Дари ганҷҳоро бар ӯ баркушод.

Ҳама кори Эрон мар ӯро супурд,
Ки ӯро будӣ паҳлавӣ дастбурд.

Дурафше бад-ӯ доду ганҷу сипоҳ,
«Ҳанӯзат нашуд, - гуфт,-ҳангоми гоҳ».

Бад-ӯ гуфт поят ба зин-андар ор,
Ҳама кишваронро ба дин-андар ор.

Бишуд теғзан гурдкуш пури шоҳ
Ба гирди ҳама кишварон бо сипоҳ.

Ба Руму ба Ҳиндустон - бар бигашт,
Зи дарёву торикӣ андаргузашт.[1]

1. ТПЗЛ – Шаҳи Руму Ҳиндустону Яман
Ҳама нома карданд зӣ пилтан.

www.sattor.com

Гузориш ҳаме кард Исфандёр
Ба фармони Яздону парвардгор.

Чу огаҳ шуданд аз накӯ дини ӯй,
Гирифтанд аз ӯ роҳу оини ӯй.

Мар ин дини беҳро биёростанд.
Аз ин дин гузориш ҳаме хостанд.

Бутон аз сари гоҳ месӯхтанд,
Ба ҷои бут оташ барафрӯхтанд.

Ҳама нома карданд зӣ шаҳрёр,
Ки мо дин гирифтем аз Исфандёр.

Бубастем киштию бигрифт соз,*[1]
Кунунат нашояд зи мо хост боз,

Ки мо рост гаштему ҳам динпараст,
Кунун Занду Зардушт зӣ мо фирист.

Чу он номаи шаҳрёрон бихонд,
Нишаст аз бари гоҳу ёрон бихонд.

Фиристод Занде ба ҳар кишваре,
Ба ҳар номдореву ҳар меҳтаре.

Бифармуд, то номвар паҳлавон
Ҳаме гашт бар гӯшай ҷаҳон.

Ба ҳар ҷой, к-он шоҳ бинҳод рӯй,
Наёмад кас андар бараш ҷангҷӯй.[2]*[3]

Ҳама худ мар[4] ӯро ба фармон шуданд,
Бадон дар*[5] ҷаҳон пок пинҳон шуданд.

1. М – Ӯ бож кост.
2. Л – Набарда басе пеши ӯй.
3. М – б. 831 нест.
4. И – ҷумла.
5. М – аз.

www.sattor.com

Чу гетӣ ҳама рост шуд бар падар-ш,
Кушод аз миён боз заррин камар-ш.

Каивор[1] биншаст бар тахтгоҳ,
Биёсуд якчанд худ бо сипоҳ.

Бародар-шро хонд Фаршедвард,
Сипоҳе бурун карду мардони мард.

Бад-ӯ дод динору дирҳам басе,
Хуросон бад-ӯ доду кардаш гусӣ.

Чу якчанд гоҳе баромад бар ин,
Ҷаҳон вижа гашта бад-ӯ покдин.

Фириста фиристод ҳам зӣ падар,
Ки эй номвар шоҳи пирӯзгар,

Ҷаҳон вижа кардам ба фарри Худой,
Ба кишвар пароканда соя ҳумой.

Касеро ба низ аз касе бим на,
Ба гетӣ касе[2] безару сим на.

Фурӯзанда гетӣ ба сони биҳишт,
Ҷаҳон гашта ободу ҳар ҷой кишт.

Саворон ҷаҳонро ҳаме доштанд
Ва варзигарон варз мекоштанд.

Бар ин - бар бигардид чанде ҷаҳон,
Ба гетӣ бадӣ буд андар ниҳон.*[3]

---

1. И – ба пирӯз.
2. И – сипаҳ яксара.
3. М – Бад-инсон буд осуда яксар ҷаҳон,
Пароканда гашта ҳама гумраҳон.
Чӣ фармоӣ, эй шоҳи гарданкашон,
Аз ин ду яке кори ман деҳ нишон.
Биёям ба даргаҳ ба дидори ту
Ва ё ҳеч бошад дигар кори ту.
Фириста ҳаме бурд аз Исфандёр
Хабарҳои некӯ бари шаҳрёр.

www.sattor.com

БАДГӮЙ КАРДАНИ ГУРАЗМ АЗ ИСФАНДЁР

Чунин гуфт гӯянда, к-он рӯзгор,
Ки шаҳ дод тоҷе ба Исфандёр.[1]

Яке саркаше буд, номаш Гуразм,
Гави номбардори фарсударазм.

Ба дил кин ҳаме дошт з-Исфандёр,
Надонам чишон буд*[2] оғози кор.

Шунидам, ки Гуштоспро хеш буд,
Писарро ҳамеша бадандеш буд.[3]

Ҳар он ҷо ки овози ӯ омадӣ,
Аз ӯ зишт гуфтиву таъна задӣ.

Шаҳи номбардор рӯзе пагоҳ
Нишаста ба ором дар базмгоҳ,*[4]

Гузинони лашкар-шро бор дод,
Бузургону шоҳони меҳтарнажод.[5]

Нишаста буд ӯ*[6] пеши фархунда шоҳ,
Рух аз дард зарду дил аз кин сиёҳ.

Фароз омад аз шоҳзода сухун,
Нигар, то бадоҳу чӣ афканд бун.

---

1. ТПЗИЛ – Яке рӯз биншаст гав шаҳрёр
Ва ромиш ҳаме кард бо чанд ёр.
2. М – чисон буд аз.
3. И – б. 847 нест.
4. М – буд аз бомдодон ба гоҳ.
5. ИЛ –б. 849. 859 нест.
3 ТПЗ – Ҷаҳондор гуфт: «Ин шунидам нахуст,
Наёмад маро ин гумони дуруст».
*4 М – ки.
6. М – Гуразм омаду.

www.sattor.com

Ҳам он гаҳ яке даст бар даст зад,
Чу*[1] душман бувад, -гуфт, - фарзанди бад,

Фарозаш набояд кашидан ба пеш,
Чунин гуфтамон мӯбади росткеш.[2]

Ки чун пур бо саҳм меҳтар шавад,
Аз ӯ боброрӯз бадтар шавад.

Раҳӣ,к-аз худованд сар баркашид
Аз андоза, пас сар-ш бояд*[3] бурид.

Чу аз роздор ин сухан ҷуст боз,
«Худованди ин роз ки в-ин чӣ роз?»

Каён шоҳро гуфт норостгӯй,
Ки ин роз гуфтан кунун нест рӯй.

Шаҳи шаҳрёрон тиҳӣ кард ҷой,
Фиребандаро гуфт: «Назди ман ой.

Бигӯй ин ҳама сарбасар пеши ман,
Ниҳон чист аз он аждаҳокеши ман?»

Гуразми бадоҳуш гуфт: «Аз хирад
Набояд ҷуз он чиз, к-андархурад.

Маро шоҳ кард аз ҷаҳон бениёз,
Сазад гар надорам ман аз шоҳ роз.

Надорам ман аз шоҳи худ боз панд
В-агарчи наёяд мар ӯро писанд.[4]

Надорам ҳар оина аз шоҳ роз
В-агарчи нахоҳад зи ман гуфт боз,

---

1. М – Нишасту баҳона ҳамеҷусту роҳ,
Ки чун шоҳи нав бар куҳан барзанад,
Бару ёли ӯро ба хок афканад.
2. И –б. 853, 854 нест.
3. М – сар пас бибояд.
4. И –б. 861 – 863 нест.

www.sattor.com

Ки гар боз гӯему ӯ нашнавад,
Беҳ аз роҳ кардан-ш пинҳон бувад.[1]

Бидон, эй ҷаҳондор, к-Исфандёр
Басечад ҳаме размро рӯи кор.

Басе лашкар омад ба наздики ӯй,
Ҳама худ сӯи ӯ ниҳоданд рӯй.

Бар он аст, к-акнун бубандад туро,
Ба шоҳӣ ҳаме бад писандад туро.

Туро гар ба даст овариду бубаст,
Кунад мар ҷаҳонро ҳама зери даст.

Ту донӣ, ки он аст Исфандёр,
Ки ӯро ба разм - андарун нест ёр.

Чун ӯ халқа кард он каманди батоб,
Пазира наёрад шудан офтоб.

Ман ончӣ шунидам, бигуфтам-т рост,
Ту беҳ дон, кунун раъю фармон туростъ.

Чу бо шоҳи Эрон Гуразм ин биронд,
Гави номбардор хира бимонд.

Чунин гуфт ҳаргиз кӣ дид ин[2] шигифт,
Дижам гашт в-аз пур кина гирифт.

Нахӯрд эч май низу шодӣ накард,
Абе базм биншаст бо боди сард.

Аз андеша он шаб наёмад-ш хоб,
Аз Исфандёраш гирифта шитоб.

1. И –б. 865 нест.
2. Л – Бимонд андар ин шоҳи Эрон.
*1 М – бихонд.

www.sattor.com

Чу аз кӯҳсорон сапеда дамид,
Фурӯғи ситора бибуд*[1] нопадид,

Бихонд он ҷаҳондида[2] Ҷомоспро,
Ки дастур буд шоҳ Гуштоспро.

Бад-ӯ гуфт: «Рав*[3] назди Исфандёр,
Мар ӯро бихон зуду назди ман ор,

Ки кори бузург аст пеш - андаро,
Ту ой ҳаме, эй маҳи кишваро.

Кунун он ҳаме мар туро боядо,
Ки бе ту маро кор барн-оядо.

Навишташ яке номаи устувор,
Ки «Эй номвар фаррух Исфандёр,

Фиристодам ин пир Ҷомоспро,
Ки ӯ пеш дидаст Лӯҳроспро.

Чун ӯро бубинӣ, миёнро бубанд,
Або ӯ биё бар сутури наванд.

Агар хуфтаӣ, зуд барчаҳ ба пой
В-агар худ бапоӣ, замоне мапой».

Хирадманд шуд, номаи шоҳ бурд,
Гузоранда кӯҳу биёбон сипурд.

ОМАДАНИ ҶОМОСП НАЗДИ ИСФАНДЁР

Бад-он рӯзгор андар Исфандёр
Ба дашт-андарун буд барои шикор.

Аз он дашт овоз додаш*[4] касе,
Ки Ҷомоспро кард хусрав гусӣ.

1. М – бишуд.
2. И – гаронмоя.
3. М – шав.
4. М – кардаш.

www.sattor.com

Чу он бонг бишнидаш, омад шигифт,
Бупечиду хандидан андаргирифт.

Писар буд ӯро гузида чаҳор,
Ҳама хубрӯю набарда савор.*[1]

Яке ном Баҳман, яке Меҳрнӯш,
Севум Озарафрӯз гурди баҳуш.

Чаҳорум варо*[2] ном Нӯшозаро,
Ки бинҳод ӯ гунбади озаро.

Ба шоҳи ҷаҳон гуфт Баҳман - писар,
Ки «То ҷовидон сабз бодот сар!»

Яке бодханда[3]*[4] бихандид шоҳ,
Наёбам ҳаме-андар он ҳеч роҳ.[5]

Бад-ӯ гуфт-«Пуро, дар ин рӯзгор,
Кас омад маро аз бари шаҳрёр.

Зи ман хусрав озор дорад ҳаме,
Дилаш аз раҳӣ бор дорад ҳаме».

Гаронмоя фарзанд гуфто: «Чаро,
Чӣ кардӣ бад-ин хусрави кишваро?»

Шаҳи шаҳрёрон бигуфт: «Эй писар,
Гуноҳе надонам ба ҷои падар.

Магар он ки то дин биёмӯхтам,
Ҳаме дар ҷаҳон озар афрӯхтам.

Ҷаҳон вижа кардам ба бурранда теғ,
Чаро дорад аз ман ба дил шоҳ реғ?

---

1. М – размҷӯю ҳама найзадор.
2. М – будаш.
3. Л – мурдаворе.
4. М – дардворе.
5. Л – пас аз б. 894 ин б. омада:
Дар ин ҷой боз аз чӣ хандӣ ҳаме,
Лаби мо зи ханда бубандӣ ҳаме?

www.sattor.com

Ҳамоно дилаш дев бифрефтаст,
Ки бар бастани ман чунин шефтаст».

Ҳаме то бад-ин - андарун буд шоҳ,
Падид омад аз дур гарди сипоҳ.

Чу аз дур дидаш зи кӯҳсор гард,
Бидонист, к-омад фиристода мард.*[1]

Пазира шудаш зуд фарзанди шоҳ,
Чу диданд мар якдигарро ба роҳ,

Зи аспи чаманда фуруд омаданд,
Гаву пир ҳарду пиёда шуданд.

Бипурсид аз ӯ фаррух Исфандёр,
Ки «Чун аст, шоҳ, он гави шаҳрёр?»

Хирадманд гуфто: «Дуруст асту шод»,
Сарашро бибӯсиду нома бидод.

Дуруст аз ҳама кораш огоҳ кард,
Ки мар шоҳро дев гумроҳ кард.[2]

Хирадмандро гуфт Исфандёр,
«Чӣ бинӣ маро андар ин рӯзгор.

Аз ин гуна бо ту биёям бадар,
На некӯ кунад кор бо ман падар.

В-ар эдун ки н-оям ба фармонбарӣ,
Бурун бурда бошам сар аз кеҳтарӣ,

Яке чора соз, эй хирадманд пир,
Набояд чунин монд бар[3] хир-хир».

Хирадманд гуфт: «Эй шаҳи паҳлавон,
Ба донандагӣ пиру бар тан ҷавон.

1. Л –б. 906 – 908 нест.
2. М –б. 904 нест.
3. И – Нашояд-т мондан чунин.

www.sattor.com

Ту донӣ, ки хашми падар бар писар,
Беҳ аз хуб меҳри писар бар падар.

Бибояд-т рафтан, чунин аст рӯй,
Ки ҳарч ӯ кунад, подшоҳ аст ӯй».

Бад-ин истоданду гаштанд боз
Фиристодаву шоҳи гарданфароз.

Яке ҷои хубаш фуруд оварид,
Пас он гоҳ хӯрданд*[1] ҳар ду набид.[2]

Дигар рӯз биншаст бар тахти хеш,
Чу девони лашкар биёвард пеш,

Ҳама лашкарашро ба Баҳман супурд
В-аз он ҷо хиромид бо чанд гурд.

Биёмад ба даргоҳи озода шоҳ,
Камар баста бар сар, ниҳода кулоҳ.

БАНД КАРДАНИ ГУШТОСП ИСФАНДЁРРО

Чу огоҳ шуд шоҳ, к-омад писар,
Кулоҳи каӣ барниҳода ба сар,

Меҳону кеҳонро ҳама хонд пеш,
Ҳамон Занд бинҳод дар пеши хеш.

Ҳама мӯбадонро ба курсӣ нишонд,
Пас он хусрави теғзанро бихонд.

Биёмад гав(у) даст карда дароз,*[3]
Ба пеш-андар омад, бибурдаш намоз.

Биистод дар пеши ӯ бандафаш,
Сарафкандаву дастҳо зери каш.

1. М – андар гирифтанд.
2. ТПЗИЛМ – Ба пешаш ҳаме* уд месӯханд.
Ту гуфтӣ ҳаме ромиш омӯханд».**
*Л – Басе анбару. **ИЛ – оташ афрӯханд.
3. М – фароз.

www.sattor.com

Шаҳи хусравон гуфт бо мӯбадон,
Бад-он родмардону испаҳбадон.

«Чӣ гӯед, -гуфто,-ки озодае
Ба сахтӣ ҳаме парварад зодае.

Ба ҳангоми шираш ба доя диҳад,
Яке тоҷи заррин-ш бар сар ниҳад,

Ҳаме дорадаш, то ки чира шавад,
Биёмӯзадаш роҳу хира шавад,

Басе ранҷ бинад гаронмоя мард,
Саворӣ кунад озмуда набард,

Пас озодзода ба мардӣ расад,
Чунон чун зар аз кон ба зардӣ расад.

Мар ӯро биҷӯянд ҷӯяндагон
В-аз ӯ беш гӯянд гӯяндагон.

Саворе шавад неку пирӯзи разм,
Сари анҷуманҳо ба разму ба базм.

Ҷаҳонро кунад яксара зери пай,
Бибошад сазовори дайҳими кай.

Чу пирӯз гардад, кашад ёлу шох,
Падар пир гашта нишаста ба кох.

Надорад падар ҷуз яке тоҷу тахт,
Нишаста ба айвон нигаҳбони рахт,

Писарро ҷаҳону дурафшу сипоҳ,
Падарро яке тоҷи заррину гоҳ,

Набошад бад-он низ ҳамдостон,
Шунид аз шумо кас чунин достон,

Зи баҳри яке тоҷу афсар писар
Тани бобро дур хоҳад зи сар?!

www.sattor.com

Кунад бо сипоҳи худ оҳанги ӯй,
Ниҳода дилаш тез бар ҷанги ӯй.

Чӣ гӯед, пирон, ки бо ин писар
Чӣ некӯ бувад коркарди падар?»[1]

Гузинон-ш гуфтанд,[2] к-Эй шаҳрёр,
Наёяд худ ин ҳаргиз андар шумор.

Падар зиндаву пур ҷӯёи гоҳ,
Аз ин хомтар низ коре маҳоҳ».

Ҷаҳондор гуфто, ки «Инат писар,
Ки оҳанг дорад ба ҷони падар».[3]

Бубандам чунон к-аш сазовору бас,
Ба банде ки касро набастаст кас.

Писар гуфт: «Эй шоҳи озодахӯй,
Маро марги ту кай бувад орзӯй?

Надонам гуноҳи ман, эй шаҳрёр,
Ки кардастам андар ҳама рӯзгор.

Ба ҷони ту, эй хусрави комрон,
Куҷо бурдан ин худ ба дил дар гумон,[4]

Валекин ту шоҳиву фармон турост,
Туроамману банду зиндон турост.

Кунун банд фармову хоҳӣ бикуш,
Маро дил дурустасту оҳиста ҳуш».

Шаҳи*[5] хусравон гуфт: «Банд оваред,
Марӯро бубандеду з-ин магзаред».

---

1. И –б. 939 – 941 нест.
2. Л – Якояк бигуфтанд.
3. ТПЗИЛМ – Валекин ман ӯро ба чӯбе занам,
   Ки ибрат бигиранд аз ӯ* барзанам.
   * Л – гирад ибрат ҳама.
4. ИМ –б. 948 нест.
5. М – Сари.

www.sattor.com

Ба пеш овариданд оҳангарон,
Ғулу банду занҷирҳои[1] гарон.[2]

Бубастанд ӯро ҳама дасту пой
Ба пеши ҷаҳондори кайҳонхудой.

Чунонаш бубастанд пой устувор,
Ки ҳар к-аш ҳаме дид, бигрист зор,[3]

Фароз овариданд пиле чу Нил,
Мар ӯро нишоданд бар пушти пил.

Бибурдандаш аз пеши фаррух падар,
Сӯи Гунбадондиж пур аз хок сар.[4]

Бад-он диж-ш[5] бурданд бар кӯҳсор,
Сутун овариданд аз оҳан чаҳор.[6]

Мар ӯро бад-он ҷо бубастанд[7] сахт,
Зи тахташ бияфканда баргашт бахт.

Нигаҳбон бар*[8] ӯ кард пас чанд мард,
Гави*[9] паҳлавонзода бо доғу дард.

---

1. Л – мисморҳои.
2. И –б. 952 нест.
3. Л –пас аз б. 952 ин б омада:
   Дар он анҷуман кас ба хоҳиш забон
   Наҷунбонд бар шаҳрёри ҷаҳон.
4. ТПЗИЛМ – Чу андар гиреҳ карда буд* гарданаш,
   Бифармуд он гаҳ ба диж** бурданаш.
   Биёред, гуфто, яке пили нар
   Наванде даванда чу мурғе ба пар.
   * Л – карданд занчир дар: ** ИЛ – баста падар.
5. ТПЗЛ – Фиристод сӯи дижи Гунбадон
   Гирифта пасу пеш испаҳбадон.
6. Л – Пур аз дард.
7 ИЛ аз б. 957 ин б. омада:
   Сутунҳо бикарда бузург оҳанин,
   Сар андар ҳавову тан андар замин.
7. И – Бубастанд ӯро бад-он ҷой.
8. М – Нигаҳбони.
9. М – Дили.

www.sattor.com

Бад-он тангӣ андар ҳаме зистӣ,
Замон то замон зор бигристӣ.

РАФТАНИ ГУШТОСП БА СИСТОН ВА ЛАШКАР ОРОСТАНИ АРҶОСП БОРИ ДИГАР

Баромад басе рӯзгорон бар ӯй,[1]
Ки хусрав сӯи Систон кард рӯй,[2]

Ки он ҷо кунад Занду Усто раво,
Кунад мӯбадонро бад-он - бар гуво.

Чу он ҷо расид он гармонмоя шоҳ,
Пазира шудаш паҳлавони сипоҳ.

Шаҳи Нимрӯз он ки Рустам-ш ном,
Савора ҷаҳондида ҳамтои Сом.

Або пир Дастон, ки будаш падар,
Або меҳтарону гузинони дар*[3]

Ба роҳ[4] овариданд ромишгарон,
Або рудҳо аз карон то карон.

Ба шодӣ пазира шудандаш ба роҳ,
Аз он шодмон гашт фархунда шоҳ.

Ба Зобул-ш бурданд меҳмони хеш,
Ҳама бандовар истоданд пеш.

Аз ӯ Занду Усто биёмухтанд,
Нишастанду оташ барафрӯхтанд.

Баромад бар ин меҳмонӣ ду сол,
Ҳаме хӯрд Гуштосп бо пури Зол.

---

1. Л – Баромад бар ин рӯзгори дароз.
2. Л – соз.
3. М – сарон сар ба сар.
4. Л – пеш.

www.sattor.com

Ба ҳар ҷо кучо шаҳрёрон буданд,
Чу аз[1] кори Гуштосп огаҳ шуданд,

Ки ӯ паҳлавони ҷаҳонро бубаст,
Тани пилвораш ба оҳан бихаст.

Ба Зобулситон шуд ба пайғамбарӣ,
Ки нафрин кунад бар бути озарӣ.

Бигаштанд яксар зи фармони ӯй,
Баҳам баршикастанд паймони ӯй.[2]

Чу огоҳӣ омад ба Баҳман, ки шоҳ
Бубасташ падарро абар*[3] бегуноҳ,[4]

Набарда гузинони Исфандёр
Аз он ҷо бирафтанд тимордор.

Ба пеши гав Исфандёр омаданд,
Каёнзодагон зору хор омаданд.

Мар ӯро ба ромиш ҳаме доштанд,
Ба зиндон-ш танҳо набугзоштанд.

Пас огоҳӣ омад ба солори Чин,
Ки моҳ аз камон омад андар камин.

Барошуфт хусрав ба Исфандёр,
Сӯи Гунбадондиж*[5] фиристод хор.

Худ аз Балх зӣ*[6] Зобулистон кашид,
Ба меҳмонии пури Дастон кашид.*[7]

---

1. ИЛ – Аз он.
2. Л – пас аз б. 974. ин б. омада:
   Ҳаме гуфт ҳар кас, ки ин шаҳрёр
   Чаро бегунаҳ баст Исфандёр.
3. М – Бубаст он гаронмояро.
4. ТПЛМ – Сипаҳро ҳама доштанд даст боз,
   Пас андаргирифтанд роҳи дароз.
5. М – Ба зиндону бандаш.
6. М – Зи Балх ӯ сӯи.
7. М – Биёбон гузориду Ҷайҳун бурид.

www.sattor.com

Ба Зобул нишастаст меҳмони Зол,
Бад-ин рӯзгорон баромад ду сол.

Ба Балх - андарун ҷуз ки Лӯҳроспшоҳ
Намондаст аз эрониёну сипоҳ.[1]

Магар ҳафтсад марди оташпараст,
Ҳама пеши озар бароварда даст.[2]

Миҳонро ҳама хонд шоҳи Чигил,
Абар ҷанги Лӯҳросп-шон дод дил.

«Бидонед, - гуфто, - ки Гуштоспшоҳ
Сӯи Систон рафт худ бо сипоҳ.[3]

Ба Зобул нишастаст бо лашкараш,
Саворе на андар ҳама кишвараш.

Кунун аст ҳангоми кин хостан,
Бибояд басечиду[4] оростан.

Писар-ш он гаронмоя Исфандёр,
Ба банди гарон - андар аст устувор.

Кадом аст марде пижӯҳандароз,
Ки паймояд ин жарфроҳи дароз?

Наронад ба раҳ эчу бераҳ шавад,
Аз эрониён яксар огаҳ шавад?

Яке ҷодуе буд, номаш Сутӯҳ,
Гузорандароҳу нуҳуфтапижӯҳ.

---

1. ИМ – б. 984 нест.
2. ТПЗИЛМ – Ҷуз эшон* ба Балх - андарун нест кас
Аз он номдорон ҳамин асту бас.
Магар посбонони кохи ҳумой,
Ҳало, зуд бархез, чандон мапой**.
* ИЛ – онҳо; ** И – б. дуввӯм дида нашуд.
3. И – Зобулистон сипардаст роҳ, Л – Нимрӯз ӯ сипардаст роҳ.
4. И – басечидан.

www.sattor.com

«Манам, - гуфт, - оҳиставу роҳҷӯй,
Чӣ бояд ҳаме, ҳарчӣ хоҳӣ[1] бигӯй?!»

Шаҳи Чин-ш гуфто: «Ба Эрон хиром,
Нигаҳ кун ба дониш ба ҳар сӯ ба гом».

Пижӯҳандаи роз паймуд роҳ,
Ба Балхи гузин шуд куҷо кохи шоҳ.

Надид андар ӯ шоҳ Гуштоспро,
Парастандаро дид, Лӯҳроспро.[2]

Бишуд ҳамчунон пеши хоқон бигуфт,
Ба рух пеши ӯ мар заминро бируфт.[3]

Чу Арҷосп огоҳ шуд, шод шуд,[4]
Аз андӯҳи дерина озод шуд.[5]

Саронро ҳама хонду гуфто: «Равед,
Сипоҳи пароканда боз оваред!»

Бирафтанд гурдони лашкар ҳама,
Ба кӯҳу биёбону ҷои рама.

Бад-ӯ боз хонданд лашкар-шро,
Гузида саворони кишвар-шро.[6]

---

1. И – хоҳӣ кунун ҳарчи бояд.
2. ТПЗ – Тиҳӣ дид Балх аз гав Исфандёр
Зи шодӣ рухаш тоза шуд чун баҳор.
3. ТПЗ – Ки Гуштосп рафтасту лашкар ҳама,
Тиҳӣ карда аз мард кишвар ҳама.
Ҷуз озарпарастон надидам касе,
Бигаштам ба Балх - андарун ман басе.
Саросар сухан пеши меҳтар бигуфт,
Чунон чун бидонист андар нуҳуфт.
4. ИЛМ – гашт.
5. ИЛМ – гашт.
6. ТПЗ – Чу гирд омадаш халлухӣ сад ҳазор,
Гузида саворони найзагузор.
Ба овози хусрав ниҳоданд гӯш,
Супурданд ӯро ҳама ҳушу тӯш.

www.sattor.com

АНҶОМ ШУДАНИ ГУФТОРИ ДАҚИҚӢ ВА БОЗ ОМАДАНИ ФИРДАВСӢ БА ГУФТОРИ ХУД БА СИТОИШИ ШОҲ МАҲМУД ВА НАКӮҲИШИ СУХАНИ ДАҚИҚӢ

Кунун, эй сухангӯи, бедормард,
Яке сӯи гуфтори худ боз гард,

Дақиқӣ расонид ин чо сухун,
Замона баровард умраш ба бун.

Рабудаш равон аз сарои сипанҷ,
Аз он пас ки бинмуд бисёр ранҷ.

1005 Ба гетӣ намондаст аз ӯ ёдгор,
Магар ин суханҳои нопойдор.

Намонд ӯ, ки бурдӣ ба сар номаро,
Бирондӣ бар ӯ сар ба сар хомаро.

Зи Фирдавсӣ акнун сухан ёд гир,
Суханҳои покизаву дилпазир.[1]

Чу ин нома афтод дар дасти ман,
Ба моҳӣ гироянда шуд шасти ман.

Нигаҳ кардам ин назму суст омадам,
Басе байт нотандуруст омадам.

1010 Ман инро навиштам, ки то шаҳрёр
Бидонад сухан гуфтани нобакор.

Ду гавҳар буд ин бо ду*[2] гавҳарфурӯш,
Кунун шоҳ дорад ба гуфтор гӯш.

Сухан чун бад-ин гуна бояд-т гуфт,
Магӯю макун ранҷ бо табъ ҷуфт.

1. ИМ –б. 1001 – 1007 нест, Л =б. 1002 – 1007 нест.
2. М – биёвард.

www.sattor.com

Чу банди*[1] равон биниву ранҷи тан,
Ба коне ки гавҳар наёбӣ, макан.

Чу табъе надорӣ чу оби равон,
Мабар даст зӣ номаи хусравон.

Даҳон гар бимонад зи хӯрдан тиҳӣ,
Аз он беҳ ки носоз хоне ниҳӣ.

Яке нома дидам пур аз достон,
Суханҳои он пурманиш ростон.

Фасона куҳан буду мансур буд,
Табоеъ зи пайванди ӯ дур буд.

Набурдӣ ба пайванди ӯ кас гумон,
Пурандеша гашт ин дили шодмон.

Гузашта бар ӯ солиён ду ҳазор,
Гар эдун ки бартар наёяд шумор.

Гирифтам[2] ба гӯянда - бар офарин,
Ки пайвандро роҳ дод[3] андар ин.

Агарчи напайваст ҷуз андаке
Зи базму зи разм аз ҳазорон яке.

Ҳам ӯ буд гӯяндаро роҳбар,
Ки шоҳе нишонид бар гоҳ-бар.

Ҳаме ёфт аз меҳтарон арҷу ганҷ,
Зи хӯи бади хеш будиш[4] ранҷ.

Ситояндаи шаҳрёрон будӣ,
Ба мадҳ афсари номдорон будӣ.

1. М – дарди.
2. Л – Бигуфтам.
3. Л –ҷӯяндаро дод роҳ.
4. ИЛ – будӣ ба.

www.sattor.com

Ба назм-андарун суст гашташ сухан,
Аз ӯ нав нашуд рӯзгори куҳан.

Ман ин нома фаррух гирифтам ба фол,
Ҳаме ранҷ бурдам ба бисёр сол.

Надидам сарафроз бахшандае,
Ба гоҳи каён бар дурахшандае.

Ҳамам ин сухан бар дил осон набуд,
Ҷуз аз хомушӣ ҳеч дармон набуд.

Яке боғ дидам саросар дарахт,
Нишастангаҳи мардуми некбахт.

Ба ҷое набуд эч пайдо дараш,
Ҷуз аз номи шоҳӣ набуд афсараш.

Ки андархури*[1] боғ боистаме,
Агар танг будӣ, нашоистаме.

Суханро нигаҳ доштам сол бист,
Бад-он то сазовори ин ганҷ кист.

Ҷаҳондор Маҳмуди бофарру ҷуд,
Ки ӯро кунад моҳу кайвон суҷуд,

Абулқосим он шаҳрёри ҷаҳон,
К-аз ӯ тоза шуд тоҷи шоҳаншаҳон,

Биёмад, нишаст аз бари тахти дод,
Ҷаҳондор чун ӯ кӣ дорад ба ёд?!

Сари номаро номи ӯ тоҷ гашт,
Ба фарраш дили тира чун оҷ гашт.[2]

---

1. М – Гузар дархури.
2. ТПЗЛ – Ба бахшу* ба дониш, ба фарру** ҳунар
Набуд то ҷаҳон буд, чун ӯ номвар***.
* И –бахшиш: ** Л – ба доду ба рою: *** Л – тоҷро з-ӯ сазовортар

www.sattor.com

Зи шоҳони пешин ҳаме бугзарад,
Нафас достонро[1] ба бад нашмарад.

Чи динор бар чашми*[2] ӯ - бар, чи хок,
Ба базму ба разм-андараш нест бок.

Гаҳи базм зарру гаҳи разм теғ,
Зи ҷӯянда ҳарду[3] надорад дареғ.

Ҳамеша сари тахташ обод бод
В-аз ӯ ҷони озодагон шод бод![4]

ОМАДАНИ ЛАШКАРИ АРҶОСП БА БАЛХ ВА КУШТА ШУДАНИ ЛӮҲРОСП

Кунун разми Арҷоспро нав кунем,
Ба табъи равон боғ бехав кунем.

Чу Арҷосп огаҳ шуд аз кори шоҳ,
Ки рафт ӯ сӯи Систон бо сипоҳ,[5]

Бифармуд, то Кӯҳрами теғзан
Барад пеши солори Чин анҷуман.

Ки Арҷоспро буд меҳтар писар,
Ба хуршеди тобон бароварда сар.

Бад-ӯ гуфт: «Бугзин зи лашкар савор
Зи гурдони шоистаи корзор,[6]

Аз эдар бирав тозиён то ба Балх,
Ки аз Балх шуд рӯзи мо тору талх.

Нигар то киро ёбӣ аз душманон,
Аз оташпарастону оҳарманон,

1. И – достонаш.
2. М – пеши.
3. И – ҳаргиз.
4. ЛМ – б. 1040 нест.
5. ЛМ – б. 1043 нест.
6. Л – шоиста марде ҳазор.

www.sattor.com

Сароншон бибур, хонаҳошон бисӯз,
Бар эшон шаб овар ба рахшанда рӯз.

Аз айвони Гуштосп бояд, ки дуд
Забона барорад ба чархи кабуд.

Агар банд бар пои Исфандёр
Бубинӣ,[1] сар овар бар ӯ рӯзгор.

Ҳамон гаҳ сарашро зи тан боз кун,
Зи номи ту*[2] гетӣ пуровоз кун.

Ҳама шаҳри Эрон ба коми ту гашт,
Ту теғиву душман ниёми ту гашт.

Ман акнун наҷӯям ба Халлух замон.
Дамодам биёям пас - андар дамон.

Бихонам сипоҳи парокандаро,
Барафшонам ин ганҷи огандаро».

Бад-ӯ гуфт Кӯҳрам, ки «Фармон кунам,
Ба гуфтори ту ҷон гаравгон кунам».

Чу хуршед теғ аз миён баркашид,
Шаби тира з-ӯ доман андаркашид,

Ба гирд омадаш халлухӣ сад ҳазор
Гузида саворони ханҷаргузор.[3]

Биёвард Кӯҳрам ба Эрон[4] сипоҳ,
Замин гашт чун рӯи зангӣ сиёҳ.[5]

Чу омад бар он марз, букшод даст,
Касеро ки дидӣ,[6] ҳаме кард паст.

1. ЛМ – Биёбӣ.
2. М – В-аз ин рӯй.
3. ЛМ –б. 1057 нест.
4. Л – Зи Турон.
5. И –б. 1057, 1058 ност.
6. И – дидаш.

www.sattor.com

Ҳама дил ба кина биёростанд,[1]
Ба тороҷу куштан бипеоростанд.[2]

Чу туркон расиданд наздики Балх
Кушода забонҳо ба гуфтори талх,

Зи Кӯҳрам чу Лӯҳросп огоҳ шуд,
Ғамӣ гашту бо ранҷ ҳамроҳ шуд.

Ба Яздон чунин гуфт, к-«Эй кирдгор,
Туӣ бартар аз гардиши рӯзгор,

Тавонову донову бахшандаӣ,*[3]
Худованди хуршеди рахшандаӣ.*[4]

Нигаҳ дор дину тану тӯши ман,
Ҳамон низ бино дилу ҳуши ман

Ки ман, банда бар дасти эшон табоҳ
Нагардам, на аз бими фарёдхоҳ».[5]

Ба Балх-андарун номдоре набуд
В-аз он гурздорон саворе набуд.

Биёмад зи бозор марде ҳазор
Чунон чун на зебандаи корзор.

Чу туронсипоҳ андаромад ба танг,
Бипӯшид Луҳросп хафтони ҷанг.

Зи ҷои парастиш ба овардгоҳ
Бишуд, барниҳод он[6] каёнӣ кулоҳ.

Ба пирӣ биғуррид чун пили маст
Яке гурзаи говпайкар ба даст.

---

1. Л – зи некӣ бипардохтанд.
2. Л– бурун тохтанд.
3. М – ёбандаӣ.
4. М – тобандаӣ.
5. ТПЗ – Ба гетӣ - дарун гум макун номи ман.
Ба ханҷар миёвар саранҷоми ман.
6. ЛМ – Биёмад ба сар-бар.

www.sattor.com

Ба ҳар ҳамлае ҷодуе з-он сарон
Заминро сипардӣ ба гурзи гарон.

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки ин номдор
Надорад магар захми Исфандёр.

Ба ҳар сӯ, ки бора барангехтӣ,
Ҳамон[1] хок бо хун баромехтӣ.

Ҳар он кас, ки овози ӯ ёфтӣ,
Ба тан-ш-андарун заҳра бишкофтӣ.

Ба туркон чунин гуфт Кӯҳрам, ки «Чанг
Маёзед бо ӯ якояк ба ҷанг.

Бикӯшеду андар миён оваред,
Хурӯши ҳузабри жаён оваред».

Баромад чакочоки захми табар,
Хурӯши саворони пархошхар.

Чу Лӯҳросп андар миён боз*[2] монд,[3]
Ба бечорагӣ номи Яздон бихонд.

Зи пириву аз тобиши офтоб
Ғамӣ гушту бахт андаромад ба хоб.

Ҷаҳондида аз тири туркон бихаст,
Нагунсор шуд марди яздонпараст.

Ба хок андаромад сари тоҷдор,
Бар ӯ анҷуман шуд фаровон савор.

Бикарданд чок он кай ҷавшанаш,
Ба шамшер шуд пора-пора танаш.

Ҳаме навсавореш пиндоштанд,
Чу хӯд аз сари шоҳ бардоштанд,

1. И ҳама.
2. М – миёна.
3. ИЛ – миёна бимонд.

www.sattor.com

Бидиданд рух лаълу*[1] кофур мӯй,
Аз оҳан сияҳ он биҳиштиш рӯй.

Бимонданд яксар аз ӯ дар шигифт,
Ки ин пир шамшер чун баргирифт?!

Бад-ин ҷо гар Исфандёр омадӣ,[2]
Сипаҳро бад-ин дашт кор омадӣ.

Бад-ин андакӣ мо чаро омадем,
Ки ҳамчун гала дар чаро омадем,

Ба ёрон[3] чунин гуфт Кӯҳрам, ки «Кор
Ҳамин буду ранҷ андар ин корзор,

Ки ин тоҷвар шоҳ Лӯҳросп аст,
Ки боби ҷаҳондор Гуштосп аст.[4]

Шаҳаншоҳро*[5] фарри Яздон бувад,
Ҳама кори ӯ базму майдон бувад.

Чунин пир гашта парастанда буд,
Дил аз тоҷу аз тахт барканда буд.

Кунун тахти Гуштосп шуд з-ӯ тиҳӣ,
Бупечад зи дайҳими шоҳаншаҳӣ».

В-аз он пас ба Балх андаромад сипоҳ,
Ҷаҳон шуд зи тороҷу куштан табоҳ.

Ниҳоданд сар сӯи оташкада,
Бад-он коху айвони зарозада.

Ҳама Занду Усто барафрӯхтанд,
Ҳама коху айвон*[6] ҳаме сӯхтанд.

---

1. М – Падид омад он ҳамчу.
2. И –б. 1087 нест.
3. Л –туркон.
4. И –б. 1090 нест.
5. ЛМ –бандагӣ.
6. М – чаҳондор бо.

www.sattor.com

Варо ҳирбад буд ҳаштод мард,
Забон-шон зи Яздон пур аз ёдкард.

Ҳама пеши озар[1] бикуштандашон,
Раҳи габригӣ[2] барнаваштандашон.

Зи хуншон бимурд оташи Зардуҳишт,
Надонам, ҷазо ҷояшон ҷуз биҳишт.

ОГОҲ ШУДАНИ ГУШТОСП АЗ КУШТА ШУДАНИ ЛӮҲРОСП ВА ЛАШКАР КАШИДАН СӮИ БАЛХ

Зане буд Гуштоспро ҳушманд,
Хирадманду донову рояш баланд.

Аз охур чамон борае барнишаст,
Ба кирдори туркон миёнро бубаст.

Аз айвон раҳи Систон баргирифт
В-аз он корҳо монда андар шигифт.

Нахуфтӣ ба манзил, чу бардоштӣ,
Дурӯза ба як рӯз бугзоштӣ.

Чунин то ба наздики Гуштосп шуд,
Ба огоҳиву дарди Лӯҳросп шуд.

1105 Бад-ӯ гуфт: «Чандин чаро мондӣ,
Худ аз Балхи бомӣ чаро[3] рондӣ?

Сипоҳе зи Турон биёмад ба Балх,
Ки шуд мардуми Балхро рӯз талх.

Ҳама Балх пурғорату куштан аст
В-аз эдар туро рӯи баргаштан аст».

Бад-ӯ гуфт Гуштосп, к-«Ин ғам чарост.
Ба як тохтан дарду мотам чарост?

---

1. Л – оташ.
2. М – Чу пурмоятар буд.
3. Л – Балх-б-инҷо чаро.

www.sattor.com

Чу ман бо сипоҳ андароям зи ҷой,
Ҳама кишвари Чин надоранд пой».

Чунин дод посух, ки «Ёва[1] магӯй,
Ки кори бузург омадастат ба рӯй.

Шаҳаншоҳ Лӯҳросп дар шаҳри Балх
Бикуштанду шуд рӯзи мо тору талх.

В-аз он ҷо ба Нӯшозар андаршуданд
Раду ҳирбадро ҳама сар заданд.

Зи хуншон фурӯзанда оташ бимурд,
Чунин бадкуниш хор натвон шумурд.

Бибурданд пас духтаронат асир,
Чунин кори душвор осон магир.

Агар нестӣ ҷуз шикасти Ҳумой,
Хирадмандро дил бирафтӣ[2] зи ҷой.

Дигар духтари шоҳ Беҳофарид,
Ки боди ҳаво ҳаргиз ӯро надид,

Ки аз тахти заррин-ш бардоштанд,
Бар ӯ ёраву тоҷ нагзоштанд».

Чу бишнид Гуштосп, шуд пур зи дард,
Зи мижгон биборид хуноби зард.

Бузургони эрониёнро бихонд,
Шунида ҳама пеши эшон биронд.[2]

---

1. Л – ёфа.
2. Л – нарафтӣ.
2 ТПЗ – Ҳама зор гаштанду гирён шуданд,
Чу бар оташи тез бирён шуданд.
Ҳаме гуфт ҳар кас, ки Лӯҳроспшоҳ
Ба мардӣ зи туркон тиҳӣ кард гоҳ.
Ҳазор офарин бод бар хоки ӯй,
Ба мину бинозад тани поки ӯй!

www.sattor.com

Нависандаи номаро хонд шоҳ,
Бияндохт тоҷу бипардохт гоҳ.

Саворе барафканд бар ҳар сӯе,
Фиристод нома ба ҳар паҳлӯе,

Ки як тан сар аз гил машӯед пок,
Надонед боз аз баландӣ мағок.

Биронед яксар бад-ин боргоҳ,
Зиреҳдору бо гурзу румикулоҳ.[1]

Бибурданд нома ба ҳар паҳлаве[2],
Куҷо буд дар подшоҳӣ гаве.[3]

Чу гашт анҷуман лашкар аз кишвараш,*[4]
Саворони ҷанговар аз лашкараш,[5]

Дирам доду аз Систон баргирифт,
Сӯи Балхи бомӣ раҳ андаргирифт.[6]

Чу бишнид Арҷосп, к-омад сипоҳ,
Ҷаҳондор Гуштосп бо тоҷу гоҳ,[7]

---

1. Л – баргустувтон бо кулоҳ.
2. Л – кишваре.
3. Л – саре, Л – пас аз б. 1124 ин б. омада:
   Чу огоҳ гаштанд яксар сипоҳ,
   Бирафтанд бо гурзу румикулоҳ.
   Ҳама яксара пеши шоҳ омаданд,
   Бад-он номвар боргоҳ омаданд.
4. М – Лашкаре бар дараш.
5. ТПЗ – Таҳамтан яке рӯз бо ӯ бирафт,
   Дар он роҳ меронд бо дард тафт.
   Ҳаме гуфт, к-эй шаҳрёри замин,
   Саранҷом гетӣ бувад ҳамчунин.
   Ба гетӣ на фарзанд монад, на боб
   Ту бар сӯги боб эч гуна матоб.
   Пазируфта бодо туро зиндагӣ,
   Туро шаҳрёрӣ, маро бандагӣ,
   Бигуфт ину шоҳаш бибӯсид рӯй,
   Бимонд ӯву хусрав бишуд ҷангҷӯй.
6. Л – Чу Гуштосп дид он сипаҳ бар дараш
   Саворони ҷанговари кишвараш.
7. И – б. 1127 нест.

www.sattor.com

Зи Турон биёвард чандон сипоҳ,
Ки торик шуд рӯи хуршеду моҳ.

Зи дарё ба дарё сипаҳ густарид,[1]
Зи лашкар[2] касе рӯи ҳомун надид.

Зи лашкар чу гард андаромад ба гард,
Замин шуд сиёҳу ҳаво лоҷвард.[3]

Ду рӯя сипаҳ баркашиданд саф,
Ҳама найзаву теғу ҷӯпин ба каф.

Абар маймана шоҳ Фаршедвард,
Ки бо шери дарранда ҷустӣ набард.

Сӯи майсара гурд Настур буд,
Зарири сипаҳдорро пур*[4] буд.

Ҷаҳондор Гуштосп дар қалбгоҳ
Ҳаме кард ҳар сӯ ба лашкар нигоҳ.

В-аз он рӯй Кундур сӯи маймана,
Пиёда паси пушти ӯ бо буна.

Сӯи майсара Кӯҳрами теғзан,
Ба қалб-андар Арҷосп бо анҷуман.

Баромад зи ҳарду сипаҳ бӯқу кӯс,
Замин оҳанин шуд ҳаво обнӯс.

Ту гуфтӣ, ки гардун бипаррад ҳаме
Замин аз гаронӣ бидаррад ҳаме.

Зи овози аспону захми табар
Ҳама кӯҳи хоро фурӯ бурд сар.

1. Л – баркашид.
2. ИЛМ – Ба ҷое.
3. И – б. 1130 нест.
4. М – Ки чархи равонро аз ӯ нур.

www.sattor.com

Ҳама дашт сар буд бе тан ба хок
Ба сар-бар*[1] зи гурзи гарон чок-чок.

Дурахшидани теғу борони тир,
Хурӯши ялон бар деҳу[2] дору гир.

Ситора ҳаме ҷуст роҳи гуреғ,
Сипаҳро наёмад ҳаме ҷон дареғ,

Ба гирд-андарун тир чун жола буд,
Ҳама дашт аз он хастагон нола буд.*[3]

Басе кӯфта зери наъл-андарун
Кафан синаи шеру тобут хун.

Тани бесарону сари бетанон,
Саворон чу пилони кафафкашон.

Падарро набуд бар писар ҷои меҳр,
Ҳаме гашт з-ин гуна гардонсипеҳр.

Бибуданд аз он сон се рӯзу се шаб
Пур аз кину пархош, ҷангу ҷалаб.

Чунон гашт сар то сар овардгоҳ,
Ки аз ҷӯши хун лаъл шуд рӯи моҳ.

Або Кӯҳрами теғзан дар набард
Баровехт чун шер Фаршедвард.

Зи Кӯҳрам бад-он гуна тан хаста шуд,
Ки ҷон аз тани шер бугсаста шуд.

Фаровон аз эрониён кушта буд,
Зи хуни ялон кишвар оғушта буд.

1. М – Ҳама тан.
2. Л – буд.
3. М – Сари найзаву гурз хам дода буд.
Ҳама дашт пур гашта афтода буд.

www.sattor.com

Писар буд Гуштоспро сиву ҳашт,
Далерони кӯҳу саворони дашт.

Бикуштанд яксар бар он размгоҳ,
Ба якборагӣ тира шуд бахти шоҳ.

ҲАЗИМАТ ШУДАНИ ГУШТОСП АЗ АРҶОСП

Саранҷом Гуштосп бинмуд пушт,
Бад-он гаҳ ки шуд рӯзгораш дурушт.[1]

Пас андар ду манзил ҳаме тохтанд,
Мар ӯро гирифтан ҳаме сохтанд.

Яке кӯҳаш омад ба раҳ пургиё,
Бад-ӯ - андарун чашмаву осиё,

Ки бар гирди он кӯҳ як роҳ буд
В-аз он роҳ Гуштосп огоҳ буд.[2]

Бар он кӯҳ шуд доғдил бо сипоҳ
Зи гурдон нишастанд чандин ба роҳ.

Чу Арҷосп бо лашкар он ҷо расид,
Бигардид, бар кӯҳ роҳе надид.

Гирифтанд гирд-андараш чор сӯй,
Чу бечора шуд шоҳи озодахӯй,

Аз он кӯҳсор оташ афрӯхтанд,
Бар он хора-бар хор*[3] месӯхтанд.[4]

---

1. ТПЗ – Аз андешаи он ҳама пури хеш
Ба тан суст шуд шоҳу дил кард реш.
Падар куштаву кушта чандон писар,
Бимонд андар он дарду ғам хирасар.
Ҳама дасту шамшераш аз кор шуд,
Ҷаҳону шаҳӣ бар дилаш хор шуд.
2. ТПЗ – Сипаҳдори Эрон бар он кӯҳ шуд,
Зи пайкори туркон беандӯҳ шуд.
3. М – В-аз он хору хошок.
4. Л – Ҷаҳондор Гуштоспу яксар сипоҳ
Сӯи кӯҳ рафтанд аз овардгоҳ.

www.sattor.com

Ҳаме кушт ҳар меҳтаре борагӣ,
Ниҳоданд дилҳо ба бечорагӣ.

Чу лашкар чунин гирдаш андаргирифт,
Шаҳи пурманиш даст бар сар гирифт.

Ҷаҳондида Ҷомоспро пеш хонд
В-аз ахтар фаровон суханҳо биронд.

Бад-ӯ гуфт, к-«Аз гардиши осмон
Бигӯ он чӣ донӣ, ба пурсиш мамон,

Ки бошад дар ин бад маро дастгир,
Бибояд-т гуфтан ҳама ногузир».

Чу бишнид Ҷомосп, бар пой хост,
Бад-ӯ гуфт, к-«Эй хусрави додрост,

Агар шоҳ гуфтори ман бишнавад,
Бад-ин гардиши ахтарон биґравад,

Бигӯям ҳама, ҳар чӣ донам, бад-ӯй,
Агар шоҳ донад маро ростгӯй».

Бад-ӯ гуфт шоҳ «Он чӣ донӣ зи роз,
Бигӯву мадор ин суханро дароз.[1]

Гар эдун, ки бар абр сояд сарам,
Ҳам аз гардиши осмон нагзарам».

Бад-ӯ гуфт Ҷомосп к-«Эй шаҳрёр,
Сухан бишнав аз ман, яке гӯш дор.

Ба фармони ту фаррух[2]*[3] Исфандёр
Ҳаме банд сояд ба бад рӯзгор.

3 И – б. 1161 нест.

1. ТПЗ – Бад-ӯ гуфт шоҳ, он чи донӣ, бигӯй,
Зи ман чустани ҳар чӣ донӣ, бичӯй.

2. Л – Ту донӣ, ки фарзандат.

3. М – Чунон донам, эй шоҳ.

www.sattor.com

Агар шоҳ букшояд ӯро зи банд,
Намонад бад-ин кӯҳсори баланд».[1]

Бад-ӯ гуфт Гуштосп, к-«Эй ростгӯй,
Ки ҳам ростгӯйиву ҳам ораҷӯй.[2]

Ба тундӣ чу ӯро ба банди гарон
Бубастам ба мисмори оҳангарон,[3]

Ҳамон гоҳ ман з-он пушаймон шудам,
Дилам хаста шуд, сӯи дармон шудам,

Ки ӯро бубастам дар он боргоҳ
Ба гуфтори бадхоҳу ӯ бегуноҳ.

Гар ӯро бубинам дар ин рӯзи кин,
Бад-ӯ бахшам ин тоҷу тахту нигин.[4]

Кӣ ёрад шудан назди он арҷманд,
Раҳонад мар он бегунаҳро зи банд?»

Бад-ӯ гуфт Ҷомосп: «Эй шаҳрёр,
Манам рафтанӣ, к-ин сухан нест хор».[5]

Чунин[6] гуфт Гуштосп, к-«Эй пурхирад,
Ки ҷон аз ҳунарҳот ромиш барад,

---

1. ТПЗИ – Бар ин он лашкар он гаҳ шавад комгор,
Ки букшояд аз банд Исфандёр.
Чу бишнид аз ӯ ин сухан шаҳрёр,
Рухаш гашт чун гул ба гоҳи баҳор.
2. И –б. 1171 – 1175 нест;
Л – Ба Ҷомосп гуфт, эй хирадманд мард,
Маро ҳаст аз ин кор дил пур зи дард.
3. ЛМ –б. 1176 нест.
4. ИЛМ – б. 1179 нест.
5. ЛМ – пас аз б. 1181 ин б. омада:
Ба Ҷомосп шоҳи ҷаҳондор гуфт,
Ки бо ту ҳамеша хирад бод ҷуфт.
6. Л – дигар.

www.sattor.com

Бирав в-аз манаш деҳ фаровон дуруд,
Шаби тира бугзор ногоҳ зуд.[1]

Бигӯяш, ки он кас, ки бедод кард,
Бишуд з-ин ҷаҳон бо дили пур зи дард.

Дигар ман, ки рафтам ба коми касе,
Ки баҳра набудаш зи дониш басе,

Чу бедод кардам, бупечам ҳаме,
Ба подош некӣ басечам ҳаме,

Кунун гар кунӣ дил ту аз кина пок,
Сари душманон андарорӣ ба хок.

В-агарна шуд ин подшоҳиву тахт,
Зи бун баркананд ин каёнӣ дарахт.

Гар оӣ, супорам туро тоҷу ганҷ,
Зи чизе ки ман гирд кардам ба ранҷ.

Парастиш бувад з-ин сипас кори ман,
Чу Лӯҳросп боби ҷаҳондори ман.[2]

Бад-ин гуфта Яздон гувои ман аст,
Чу Ҷомосп, к-ӯ раҳнамои ман аст».

Бипӯшид Ҷомосп тӯрӣ[3] қабой,
Фуруд омад аз кӯҳ бе раҳнамой.[4]

---

1. ТПЗЛМ – Бирав тирашаб* назди он некхоҳ,
Ки аз мо шуд озурда бар бегуноҳ.
Дурудаш деҳ аз мову хубӣ намой.
Биёрой гуфтору хубӣ** физой.
* Л – Чу з-ин ҷо шавӣ. ** Л – чарбӣ.
2. ЛМ – б. 1190 нест.
3. Л – Румӣ.
4. ТПЗЛ – Ба сар барниҳода кулоҳи дупар,
Ба оини туркон бубасташ камар.
Яке аспи туркӣ биёвард пеш,
Бар он асп ола зи андоза беш.
Нишаст аз бари аспу омад ба зер,
Ки буд марди шоиста чун наррашер,

www.sattor.com

Хирадёфта чун биёмад ба дашт,
Шаби тира аз лашкар-андар гузашт.[1]

Чу омад ба танги дижи Гунбадон,
Бираст аз бади рӯзу дасти бадон.

РАФТАНИ ҶОМОСП БА ДИДАНИ ИСФАНДЁР

1195 Яке моявар пури Исфандёр,
Ки Нӯшозараш хондӣ шаҳрёр,

Бад-он боми диж буд чашмаш ба роҳ
Бад-он, то ки ояд аз эронсипоҳ.[2]

Падарро бигӯяд чу бинад касе,
Ба боло дирангаш набошад басе.

Чу Ҷомоспро дид, к-омад ба роҳ
Ба сар-бар яке нағз тӯрӣ кулоҳ,

Чунин гуфт, к-омад зи Турон савор,
Бипӯям, бигӯям ба Исфандёр.

1200 Фуруд омад аз бораи диж давон,
Чунин гуфт, к-«Эй номвар паҳлавон,

Саворе ҳаме бинам аз дурроҳ,
Кулоҳе ба сар барниҳода сиёҳ.

Шавам, то бубинам, ки гуштоспист
Ва ё киначӯй асту арҷоспист.

Ҳар он кас, ки ӯро бидидӣ ба роҳ,
Бипурсидӣ ӯро зи туронсипоҳ,
Ба овози туркӣ сухан рондӣ,
Бигуфтӣ ба он кас, ки ӯ хондӣ.
Надонистӣ ӯро касе кору* бор,
Ки гуфтӣ ба туркӣ сухан ҳушёр.

1. ТПЗЛМ – Ҳаме ронд аспаш ба кирдори бод,
Чунин то баромад бари шоҳзод.

2. ТПЗЛМ – Ҳаме ронд аспаш ба кирдори бод,
Чунин то баромад бари шоҳзод.

www.sattor.com

Агар турк бошад, бибуррам сараш,
Ба хок афканам нобисуда бараш».

Чунин гуфт пурмоя Исфандёр,
Ки «Ин раҳгузар кам бувад бесавор,

Ҳамоно, к-аз Эрон яке лашкарӣ
Сӯи мо биёяд ба пайғамбарӣ!

Кулоҳе ба сар барниҳодаш падар
Зи бими[1] далерони пархошхар».

Чу бишнид Нӯшозари паҳлавон,
Бар он бораи диж баромад давон.

Чу Ҷомосп танг андаромад зи роҳ,
Варо боз донист фарзанди шоҳ.

Биёмад, бигуфт ин ба фаррух падар,
Ки Ҷомосп омад ба наздики дар.

Бифармуд, то дар кушоданд боз,
Биёмад хирадманду бурдаш намоз.

Биёмад, бидодаш паёми падар,[2]
Паёме, ки оварда буд дар ба дар.

Чунин посухаш дод Исфандёр,
Ки «Эй аз ялони ҷаҳон ёдгор,

Хирадманду кундовару сарфароз,
Чаро бастаро бурд бояд намоз?

Касеро ки бар дасту по оҳан аст,
На мардумнажод аст, к-оҳарман аст,

Дуруди шаҳаншоҳи Эрон диҳӣ,
Зи дониш надорад дилат огаҳӣ.

1. И – тарси.
2. Л – Бидодаш дуруди падар сар ба сар.

www.sattor.com

Дурудам зи Арҷосп омад кунун,
К-аз эрониён дашт шуд пур зи хун.

Маро банд карданд бар бегунoҳ,
Ҳамоно Гуразм аст фарзанди шоҳ.

Кунун ҳамчунин баста бояд танам,
Ба Яздон гувоҳи ман аст оҳанам,

Ки бар ман зи Гуштосп бедод буд,
Зи гуфти Гуразм Аҳриман шод буд.

Чунин буд подош ранҷи маро,
Ба оҳан биёрост ганҷи маро.

Мабодо, ки ин бад фаромуш кунам,
Хирадро*[1] ба гуфти ту беҳуш кунам».

Бад-ӯ гуфт Ҷомосп, к- «Эй ростгӯй,
Ҷаҳонгиру шеравжану номҷӯй,

Дилат гар чунин аз падар сер гашт,
Сари тахти он подшаҳ зер гашт.[2]

Зи Лӯҳроспшоҳ он парастанда мард,
Ки туркон бикуштандаш андар набард,

Ҳамон ҳирбад низу яздонпараст,
Ки буданд бо Занду Усто*[3] ба даст,

Бикуштанд ҳаштод аз он мӯбадон,
Парастандаву покдил бихрадон.

Зи хуншон дар он хона оташ бимурд,
Чунин бадкуниш хор натвон шумурд.

1. М – равонро.
2. М – бо божу барсам.
3. Л – Писар аз падар гар чунин хира шуд.
Магар бахти эрониён тира шуд.

www.sattor.com

Зи баҳри ниё дил пур аз дард кун,
Барошӯбу рухсорагон зард кун.

Ба кини ниё гар наҷунбӣ зи ҷой,
Набошӣ писандидаву покрой».

Чунин дод посух, ки «Эй некном,
Баландахтару гурду гирандаком.

Барандеш, к-он пир Лӯҳроспро,
Парастандаву боби Гуштоспро[1]

Писар беҳ, ки ҷӯяд кунун кини ӯй,
Ки тахти падар ҷусту оини ӯй».

Бад-ӯ гуфт: «Ар эдун, ки кини ниё
Наҷӯӣ, надорӣ ба дил кимиё.

Ҳумои хирадманду Беҳофарид,
Ки боди ҳаво рӯи эшон надид,[2]

Ба Турон*[3] асиранд бо доғу дард,
Пиёда давонанд рухсора зард».[4]

Чунин дод посух, ки «Рӯзе Ҳумой
Маро ёд кард андар ин тангҷой?[5]

---

1. ТПЗ – Зи тимори ман ҳеч андеша буд,
В-ар аз меҳрубонӣ варо пеша буд?
Кунун чун ки душман бад-ӯ даст ёфт,
Бад-ин кин маро аз чӣ бояд шитофт?
2. ТПЗ – Бибурданд з- айвон бараҳнасарон
Далерони бадхоҳ, оҳарманон.
3. М – туркон.
4. Л – пас аз б. 1235 ин б. омада:
Чунин посух овард Исфандёр,
Ки баста будам ман чунин зору хор.
Накарданд эшон зи ман хеч ёд,
Набарзад кас аз баҳри ман сард бод.
5. И –пас аз б. 1236 ин б. омада:
Чунин посух овардаш он ҳушманд,
Ки то ман гирифтор гаштам ба банд.

www.sattor.com

Дигар низ пурмоя Беҳофарид,
Ту гӯӣ маро дар ҷаҳон худ надид.[1]

Чаро ранҷа дорам кунун хештан,
Наёмад аз эшон касе пеши ман?

Падар беҳ, ки чора ба духтар кунад,
Ҳама созҳо боб беҳтар кунад».[2*3]

Бад-ӯ гуфт Ҷомосп, к-«Эй паҳлавон,
Падар-т он ҷаҳондори тираравон

Ба кӯҳе-дар аст[4] ин замон бо сарон,
Ду дида пур аз обу лаб ночарон.

Сипоҳе зи туркон ба гирд-андараш,
Аз ин пас набинӣ сару афсараш.

Набошад писанди ҷаҳонофарин,
Ки ту сар бупечӣ зи меҳру зи дин.[5]

Бародар, ки буд мар туро сиву ҳашт
Палангони кӯҳиву шерони дашт,

Ҳама хок доранд болину хишт,
Ки душман аз эшон саворе наҳишт».

Чунин посух овардаш Исфандёр,
Ки «Чандин бародар будам номдор,

1. И –б. 1237 нест.
2. ИЛ – б. 1239 нест.
3. М –б; 1238, 1239 нест.
4. Л – кӯҳ андар аст.
5. Чунин кин наёрад касе ёд кард.
Бисӯзад бар эшон дили хорасанг,
Ки номи бузургӣ даромад ба нанг.
Чӣ гӯянд ҳар кас бад-ин рӯзгор,
Ки хастанд ин хоҳари шаҳрёр.
Барандешу аз номи худ ёд кун,
Хирадро бад-ин кор устод кун.

www.sattor.com

Ҳама шоду*[1] бо ромишу ман ба банд,
Накарданд кас ёди ин мустаманд.[2]

В-агар ман кунун худ[3] басечам чӣ суд,
К-аз эшон баровард бадхоҳ дуд».

Чу Ҷомосп з-он гуна посух шунид,
Дили баста з-он гуна бо доғ дид,

Ҳаме буд бар пой пурдарду*[4] хашм,
Пур аз орзу дил, пур аз об чашм.*[5]

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй паҳлавони ҷаҳон,
Агар тира гардад дилат бо равон,

Чӣ гӯӣ кунун кори Фаршедвард,
Ки будаст[6] ҳамвора бо доғу[7] дард.

Ба ҳар ҷо ки будӣ ба базму ба разм,
Пур аз дарду нафрин будӣ бар Гуразм.

Пур аз захми шамшер гашта[8] танаш,
Бурида[9] бар ӯ миғфару ҷавшанаш.

Ҳаме бугсилад зор з-ӯ ҷони ӯй,
Бабахшой бар чашми гирёни ӯй.[10]

1. М – Ҳамасола.
2. ТПЗ – Яке тан падарро нагуфт эч бор,
Ки эй шаҳ, чӣ кардаст Исфандёр?
Ки ӯро чунин мондаӣ зери банд,
Наёяд-т аз он банди ӯ ҷуз газанд.
3. ИЛ – кин.
4. М – барпову дил пур зи.
5. М – Ба зорӣ ҳаме ронд об аз ду чашм.
6. И – буд аз ту.
7. Л – Рухаш гашт пурхуну дил пур зи.
8. ИЛ – дидам.
9. ИЛ – дарида.
10. ТПЗ – Ҳаме ҷон супорад ба овардгоҳ,
Бубахшой бар ҷони он некхоҳ.
Ҳаме гуфт бо он ҳама хастагӣ,
Ки ёраб, ту бахшой он бастагӣ.

www.sattor.com

Чу овоз додаш зи Фаршедвард,
Рухаш гашт пурхуну дил пур зи дард.

Ҳаме гуфт, зоро, далеро, гаво,
Яло, шердил меҳтаро, хусраво,

Ман аз хастагиҳои ту хастаам,
Рухонро ба хуни ҷигар шустаам.[1]

Чу бозомадаш дил, ба Ҷомосп гуфт,
Ки «Ин худ чаро доштӣ дар нуҳуфт?[2]

Бифармой, к-оҳангар оранд чанд,[3]
Зи пои ман акнун[4] бисоянд банд».

Биёвард Ҷомосп оҳангарон,
Чу сӯҳони пӯлоду путки гарон.

Бисуданд занҷиру мисмору ғул,
Ҳама банди румӣ ба кирдори пул.

Ҳаме дер шуд суда он бастагӣ,
Сабук шуд дили баста з-оҳистагӣ.

Ба оҳангараш гуфт, к-«Эй шумдаст,
Бубандиву баста надонӣ шикаст?

Биёҳехт з-ӯ дасту бар пой хост,
Ғамӣ шуд, биёзид бо банд рост.

Зи тан ҷони ман магсилон то яке
Бубинам бар Исфандёр андаке.

1. ТПЗ – Ту будӣ зи дил мар маро меҳрубон,
Туро бандам аз баҳри кина миён.
Бигуфт ину аз дил ҷудо кард ҳуш,
Бичӯшиду афтоду барзад хурӯш.
2. ТПЗ – Ки то ман бар он хаста бахшудаме,
Туро ин ҳама ранҷ нанмудаме.
3. Л – оваранд.
4. Л – Кунун то ки аз ман.

www.sattor.com

Бияфшурд*[1] пою бупечид даст,
Ғулу банду занҷир дарҳам шикаст.[2]

Чу бишкаст занҷир бетӯш гашт,
Бияфтод аз он дарду беҳуш гашт.

Ситорашинос он шигифтӣ бидид,
Бад-он номдор офарин густарид.

Чу омад ба ҳуш он гави зӯрманд,
Ҳама пеш бинҳод занҷиру банд.[3]

Чунин гуфт, к-«Ин ҳадяҳои Гуразм
Бибуррид моро зи базму зи разм.[4]

Ба гармоба шуд бо тани*[5] дардманд,
Ба занҷир тан судаву бар ба банд.[6]

---

1. М – Биёзид.
2. И –б. 1266 нест.
3. Л – Чу омад ба ҳуш он гави номдор,
Рухаш гашт ҳамчун гул андар баҳор.
4. ТПЗ – Ба як ҷойгаҳ баста занҷиру банд,
Аз он бораи диж ба ҳомун фиканд,
Дигар гуфт к-ин ғуллу банди гарон
Ҳаме тез мисмори оҳангарон,
Ки бар ҷони мо буд з-он шаҳрёр
Зи дасташ бинолам ба парвардгор.
Ба фармони Яздон нишаста будам,
На аз баҳри ин банд баста будам.
На Устову Жанд -андарун Зардуҳушт
Бигуфтаст бинмуд гарму дурушт,
Ки ҳар, к-ӯ зи фармону панди падар
Битобад, мар ӯ ҳаст ҷодуписар.
Писарро падар гар ба зиндон кунад,
Аз он беҳ, ки душман гулафшон кунад.
Нагаштам зи фармон, нагуфтам сухун
Бупечад, ҳар он к-ӯ бад афканд бун.
5. М – тане.
6. Л – б. 1270, 1271 нест.
ТПЗ – В-аз он ҷой бо чокару ёр чанд
Ба гармоба шуд бо тани дардманд.
Ҳама тан гирифта зи занҷир занг,
Зудудаш зи тан занг к-ояд ба ҷанг.

www.sattor.com

Яке ҷомаи хусравонӣ бихост,
Ҳамон ҷавшани паҳлавонӣ бихост.

Бифармуд, к-он бораи гомзан
Биёреду он таргу шамшери ман.[1]

Чу чашмаш бар он борагӣ устод,
Зи Яздони некидиҳиш кард ёд.

Ҳаме гуфт, агар ман гунаҳ кардаам,
Азэро ба банд[2]-андар озурдаам,

Чӣ кард ин ҷамон чармаи барбарӣ,
Ки боист кардан бад-ин лоғарӣ?!

Бипӯеду*[3] ӯро беоҳу кунед,
Ба хӯрдан танашро ба нерӯ кунед.

Фиристод кас назди оҳангарон
Ҳар он кас, ки устод буд андар он.

Бирафтанду чанде зиреҳ сохтанд,
Силоҳаш*[4] якояк бипардохтанд.

ДИДАНИ ИСФАНДЁР БАРОДАРИ ХУД ФАРШЕДВАРДРО

Шаб омад чу Аҳримани кинахоҳ,
Хурӯши ҷарас хост аз боргоҳ.[5]

Бар он бораи хусравӣ барнишаст,
Яке теғи ҳиндӣ гирифта ба даст,

1. ТПЗ – Биёвард Ҷомосп он ч-ӯ бихост.
Бипӯшид, он гоҳ бар пой хост.
2. Л – Ба банди гарон.
3. М – Бишӯед.
4. М – силоҳаш.
5. ТПЗ – Саворон тане чанд гирд омаданд,
Ба назди сарафроз хусрав шуданд,
Чу шаб тиратар гашт, Исфандёр
Силеҳаш бипӯшиду бархост кор.

www.sattor.com

Худу Баҳману Озари сарфароз
Бирафтанд пӯён ба роҳи дароз.

Варо роҳбар пеш Ҷомосп буд,
Ки дастури фархунда Гуштосп буд.

Аз он бораи диж чу берун шуданд,
Саворони ҷангӣ ба ҳомун шуданд.[1]

Сипаҳбад сӯи осмон кард рӯй,
Чунин гуфт, к-эй довари ростгӯй,

Туӣ офаринандаи комгор,
Фурӯзандаи ҷони Исфандёр,[2]

Гар эдун, ки пирӯз гардам ба ҷанг,
Кунам рӯи гетӣ ба Арҷосп танг.

Бихоҳам аз ӯ кини Лӯҳроспшоҳ,
Ҳамон хуни[3] чандон[4] сари*[5] бегуноҳ.

Бародар ҷаҳонбини ман сиву ҳашт,
Ки аз хунашон лаъл шуд хоки дашт.

Пазируфтам аз Эзади*[6] додгар,
Ки кина нагирам зи банди падар.

Ба гетӣ сад оташкада нав кунам,
Ҷаҳон аз ситамгора бехав кунам.

Набинад касе пои ман дар бисот,
Магар дар биёбон кунам сад работ.

---

1. Л – пас аз б. 1284 ин б. омада:
   Бирафтанд яксар ҳама ҷангҷуй
   Аз он бораи диж ба раҳ карда рӯй.
2. И – б. 1286 ност, Л – пас аз б. 1286 ин б. омада:
   Ту донӣ, ки аз хуни Фаршедвард
   Дилам гашт пурдарду рухсора зард.
3. И – кини.
4. Л – кини чандин.
5. М – кини он пирсар.
6. М – довари.

www.sattor.com

Ба шаххе, ки каргас бар ӯ нагзарад,
Бар ӯ гӯру нахчир пай наспарад,

Кунам чоҳи об андар ӯ даҳ[1] ҳазор,
Нишонам дарахт аз бари чоҳсор.

Бубахшам зи ганҷу дирам сад ҳазор
Ба дарвешу ҳар к-ӯ бувад хостор.[2]

Ҳама бераҳонро ба дин оварам,
Сари ҷодувон бар замин оварам.

Парастиш кунам пеши Яздон ба пой,
Набинад маро кас ба ором ҷой.[3]

Бигуфту ину бардошт аспи набард,
Биёмад ба наздики Фаршедвард.

Варо зор бар хок-бар хуфта дид,
Тани хуфта аз захм ошуфта дид.[4]

Зи дида буборид чандон сиришк,
Ки хира фурӯ монд доно пизишк.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй шери пархошҷӯй,
Туро ин газанд аз кӣ омад ба рӯй?

К-аз ӯ кини ту бозҷӯям ба ҷанг,
Агар шери ҷангӣ бувад, гар наҳанг?»[5]

Чунин дод посух, ки «Эй паҳлавон,
Зи Гуштоспам ман халидаравон.

---

1. Л – сад.
2. Л – Тавонгар кунам мардуми пешакор; Л – б. 1295 нест.
3. ЛМ – Паратишгаҳе барнагардад тамом,
Набинад касе ман ба орому ком.
4. И – б. 1299 нест.
5. ИЛ – в-ар паланг.
6 ТПЗ – Маро ин зи Гуштосп омад ба рӯй
Аз он беҳунар марду он гуфтугӯй.

www.sattor.com

Агар пои ту[1] ӯ*[2] накардӣ ба банд,
Зи туркони Чин кай будӣ*[3] ин газанд?!

Ҳамон шоҳ Лӯҳросп бо пирсар
Ҳама Балх аз ӯ гашт зеру забар.

Зи гуфти Гуразм он чи бар мо расид,
На дидаст ҳаргиз касе, на шунид.

Ту маҳрӯш в-аз дода хурсанд бош,
Ба гетӣ дарахти барӯманд бош,

Ки ман рафт хоҳам[4] ба дигар сарой,
Ту бояд, ки монӣ[5] ҳамеша ба ҷой.

Чу рафтам зи гетӣ, маро ёд дор,
Ба бахшиш равони маро шод дор.[6]

Ту падруд бош, эй ҷаҳонпаҳлавон,
Ки ҷовид бодиву равшанравон».

Бигуфт ину рухсорагон кард зард,
Шуд он номвар шер Фаршедвард.

Бизад даст бар ҷавшан Исфандёр,
Ҳама парниён бар танаш гашт[7] хор.

Ҳаме гуфт, к-эй пок, бартар Худой,
Ба гетӣ ту бошӣ маро раҳнамой,

Ки пеш оварам кини Фаршедвард,
Барангезам аз санг в-аз об гард.

1. ИЛ – Чу пои туро.
2. М – Гар ӯ чун туеро.
3. М – туркон ба мо н-омадӣ.
4. ИЛ – рафтаниам.
5. И – бошӣ.
6. ТПЗ – Гар аз хастани ман туро ғам расид,
Маро ин табоҳӣ зи Кӯҳрам расид.
7. ИЛ – кард.

www.sattor.com

Бирезам зи тан хуни Арҷоспро,
Шикебо кунам ҷони Лӯҳроспро.

Бародар-ш мурда ба зин дарниҳод,
Дили[1] пур зи кина сари[2] пур зи бод,

Зи ҳомун баромад ба кӯҳи баланд,
Бародар-ш баста бар аспи саманд.

Ҳаме гуфт, к-акнун чӣ созам туро,
Яке дахма чун барфарозам туро?

На сим аст бо ман, на зарру гуҳар,
На хишту на обу на деворгар.

На ҷое дарахте чунон*[3] соядор,
Ки хобонамат, эй гави номдор.

Бароҳехт хафтони ҷанг аз танаш,
Кафан кард дастору пероҳанаш.

В-аз он ҷо биёмад бад-он ҷойгоҳ,
Куҷо шоҳ Гуштосп гум кард роҳ.

Басеро аз эрониён кушта дид,
Шуда хоку санг аз ҷаҳон нопадид.

Ҳаме зор бигрист бар куштагон,
Бар он тангдил, бахтбаргаштагон.[4]

Ба ҷое куҷо гашта буд сахт разм,
Ба чашм омадаш зард рӯи Гуразм.

Ба наздики ӯ аспаш афканда буд,
Бар ӯ хок чанде пароканда буд.

1. ИЛ – диле.
2. ИЛ – лабе.
3. М – поп дарахте бувад.
4. ИЛ – рӯзбаргаштагон.

www.sattor.com

Чунин гуфт бо кушта Исфандёр,
Ки «Эй марди нодони бадрӯзгор,

Нигаҳ кун, ки донои Эрон чӣ гуфт,
Бад-он гаҳ, ки букшод роз аз нуҳуфт,

Ки душман ки доно бувад, беҳ зи дӯст,
Або душману дӯст дониш накӯст.

Барандешад он кас, ки доно бувад,
Зи коре ки бар вай тавоно бувад.

Зи чизе ки бошад бар ӯ нотавон,
Ба ҷустан-ш ранҷа[1] надорад равон.

Аз[2] Эрон ҳаме ҷои ман хостӣ,
Ту овардӣ андар ҷаҳон костӣ.

Ту бурдӣ аз ин подшоҳӣ фурӯғ,
Ҳаме чора ҷустиву гуфтӣ[3] дурӯғ.

Бар ин разм хуне, ки шуд рехта,
Ту бошӣ бад-он гетӣ овехта».

В-аз он дашт гирён сар андар кашид,
Ба анбӯҳи гурдони туркон расид.

Сипаҳ дид бар ҳафт фарсанг дашт,
К-аз эшон ҳаме осмон хира гашт.

Яке канда карда ба гирд-андарун,
Ба пахна зи партоби тире фузун.

Зи канда ба сад чора-андар гузашт,
Инонро гарон кард бар сӯи дашт.

Талоя зи туркон чу ҳаштод мард,
Ҳаме гашт бар гирди дашти набард.

---

1. И – хаста.
2. Л – Ба.
3. Л – кардӣ ба гуфтӣ, И – ҷустӣ ба гуфтӣ.

www.sattor.com

Пароканда туркон бар[1] ӯ омаданд,
Пур[2] овозу бо ҷустуҷӯ омаданд.

Ба пурсиш гирифтанд, к-«Эй шермард,
Чӣ ҷӯӣ бад-ин[3] шаб ба дашти набард?»

Чунин дод посух, ки бар дашти разм
Шуморо ҳама ком хоб асту базм.

Чу огоҳӣ омад ба Кӯҳрам зи дашт,
Ки Исфандёр аз шумо баргузашт,

Маро гуфт баргир шамшери тез,
Зи ҷоншон[4] баровар яке растахез.

Баровехт шамшеру андарниҳод,
Ҳаме кард аз он разм[5] Гуштосп ёд.

Бияфканд аз эшон фаровон ба роҳ
В-аз он ҷойгаҳ шуд ба наздики шоҳ.

РАСИДАНИ ИСФАНДЁР БАР КӮҲ БА НАЗДИ ГУШТОСП

Баромад бар он кӯҳи хоро фароз,
Чу рӯи падар дид, бурдаш намоз.

Падар доғдил буд, бар пой ҷаст,
Бибӯсиду бистурд рӯяш ба даст.

Бад-ӯ гуфт: «Яздонсипос, эй ҷавон,
Ки дидам туро шоду равшанравон.

Зи ман бар дил озору тундӣ мадор,
Ба кинхостан ҳеч кундӣ мадор.

1. ЛМ – дар пешӣ.
2. Л – Ба.
3. И – пӯӣ хама.
4. ЛМ – Аз эшон.
5. Л- шоҳ.

www.sattor.com

Гуразм он бадандеш, бадхӯй[1] мард,
Дили ман зи фарзанди ман тира кард.

Бад омад ба рӯяш зи гуфтори бад,
Бад ояд ба марди бад аз кори бад.

Пазируфтам аз кирдгори ҷаҳон,
Шиносандаи ошкору ниҳон,

Ки гар ман шавам шоду пирӯзбахт,
Супорам туро кишвару тоҷу тахт.

Парастишгаҳе бас кунам з-ин ҷаҳон,
Супорам туро, он чӣ дорам ниҳон».

Чунин посух овардаш Исфандёр,
Ки «Хушнуд бодо зи ман шаҳрёр.

Маро он бувад тахту ганҷу кулоҳ,
Ки хушнуд бошад аз ин банда шоҳ.[2]

Ҷаҳондор донад, ки бар дашти разм
Чу ман дидам афканда рӯи Гуразм,

Бар-он марди бадгӯй гирён шудам,
Зи дарди дили шоҳ бирён шудам.

Кунун он чи бад буд*[3] бар мо, гузашт,
Гузашта ҳама назди ман бод гашт.

Аз ин пас чу ман теғи кин баркашам,
В-аз ин кӯҳи хоро сар андаркашам,

На Арҷосп монам, на Оёсу Чин,
На Кӯҳрам, на Халлух, на Туронзамин»,

Чу лашкар бидонист, к-Исфандёр
Зи банди гарон расту бад рӯзгор,

1. И – бадандешу бадгӯй.
2. Л –б. 1357 нест.
3. М – Ҳаме буданӣ низ.

www.sattor.com

Бирафтанд яксар гурӯҳогурӯҳ
Ба пеши сипаҳдор[1] бар бурзи кӯҳ.

Бузургону бегонаву хеши ӯй
Ниҳоданд сар бар замин пеши ӯй.[2]

Чунин гуфт некахтар Исфандёр.
Ки «Эй номдорони ханҷаргузор,

Ҳама теғи захробгун баркашед,
Ба кин андароеду душман кушед!»

Бузургон бар ӯ хонданд офарин,
Ки «Моро туӣ афсару теғи кин.

Ҳама пеши ту ҷон гаравгон кунем,
Зи[3] дидори ту ромиши ҷон кунем.

Ҳама шаб ҳаме лашкар оростанд,
Ҳама[4] ҷавшану найза[5] перостанд.

Падар низ бо фаррух Исфандёр
Ҳаме боз гуфт аз бади рӯзгор.

Зи хуни ҷавонони пархошҷӯй
Ба рух барниҳод аз ду дида ду ҷӯй,

Ки буданд кушта бад-он размгоҳ,
Зи хун бар сари тоҷваршон булоҳ.

Ҳамон шаб хабар назди Арҷосп шуд,
Ки фарзанд наздики Гуштосп шуд.

Ба раҳ-бар фаровон талоя бикушт,
Касе, к-ӯ нашуд кушта, бинмуд пушт.

---

1. Л – ҷаҳондор.
2. ТПЗ – Ҳама кас варо офарин хонданд,
Варо шоҳи ҷӯяндакин хонданд.
3. Л – Ба.
4. Л – ҳаме.
5. Л – тир; И – теғ.

www.sattor.com

Ғамӣ[1] гашту пурмоягонро бихонд,
Басе пеши Кӯҳрам суханҳо биронд,

Ки «Моро ҷуз ин буд дар ҷанг рой,
Бад-он гаҳ, ки лашкар биёмад зи ҷой.

Ҳаме гуфтам он девро гар ба банд
Биёбем, гетӣ шавад бегазанд.[2]

Бигирам сари гоҳи Эронзамин,
Ба ҳар марз бар мо кунанд офарин.[3]

Кунун чун кушода шуд он девзод,
Ба чанг аст моро ғаму сард бод.

Зи туркон касе нест ҳамтои ӯй,
Ки гирад ба разм-андарун ҷои ӯй.

Чунин бо дили шоду пирӯзбахт
Ба Турон хиромем бо тоҷу тахт.

Бифармуд, то ҳар чӣ буд хоста,
Зи ганҷу зи аспони ороста,[4]

Зи чизе ки аз Балхи бомӣ бибурд,
Биёвард, яксар[5] ба Кӯҳрам супурд.

Зи Кӯҳрам-ш кеҳтар писар буд чаҳор,
Буна барниҳоданду бастанд бор.

Бирафтанд бар ҳар сӯе сад ҳаюн,
Нишаста абар ҳар яке раҳнамун.

Дилаш гашт пурбиму сар пуршитоб
В-аз ӯ дур шуд хӯрду орому хоб.

---

1. И – ғамин.
2. И – Кунун, к-омад он деви ҷангӣ зи банд,
   Ки аз бим гетӣ шавад пургазанд.
3. И –б. 1379 нест.
4. ТПЗ – Зи дебои зарбафту зарру гуҳар,
   Зи динору ёқуту тоҷу камар.
5. И – Биёварду дигар.

www.sattor.com

Яке турк буд, номи ӯ Гургсор,
Зи лашкар биёмад бари шаҳрёр.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй шоҳи туркону Чин,
Зи як тан мазан номи худ бар замин,

Сипоҳӣ ҳама хаставу кӯфта,
Гурезону бахт андар[1] ошуфта.

Писар куштаву сӯхта шаҳрёр,
Ба ёрӣ кӣ омад ҷуз Исфандёр?

Сипаҳро ҳама дилшикаста кунӣ,
Ба гуфтор бе ҷанг хаста кунӣ.

На доно бувад шоҳи ботарсу бок,
Зи тарсанда мардум барояд ҳалок.

На гурзе ба тарге фуруд омадаст,
На тире ба баргустувоне задаст.*[2]

Ҳамоварди ӯ гар биёяд, манам,
Тани марди ҷангӣ ба хок афканам».[3]

Чу Арҷосп бишнид гуфтори ӯй,
Бидид он дилу рои ҳушёри ӯй,

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй гурди пархошхар,
Туро ном ҳасту нажоду гуҳар,

Агар ин ки гуфтӣ, ба ҷой оварӣ,
Ҳунар бар забон раҳнамой оварӣ,

Зи хиргоҳ то пеши[4] дарёи Чин
Туро бахшаму ганҷи Эронзамин.

1. Л – Гурезон зи бахти бад.
2. М – б. 1393, 1349 нест.
3. ИЛ – б. 1393 – 1395 нест.
4. ЛМ – Туронзамин то ба.

www.sattor.com

Сипаҳбад ту бошӣ бад-ин лашкарам,
Зи фармони ту як замон нагзарам».[1]

Ҳам андар замон лашкар ӯро супурд,
Зи гетӣ ду баҳра мар ӯро шумурд.[2]

Чу хуршед зарринсипар баргирифт,
Шаби тира з-ӯ даст бар сар гирифт.

Бияндохт пероҳани мушкранг,
Чу ёқут шуд чеҳри гетӣ ба ранг.

Зи кӯҳ андаромад сипоҳи бузург,
Ҷаҳондор Исфандёри сутург.[3]

Ба пеши сипоҳ омад Исфандёр,
Ба зин-андарун гурзаи говсор.

Ба қалб-андарун шоҳ Гуштосп буд,
Равонаш пур аз кини Арҷосп буд.

---

1. ТПЗ – В-агар он ки донӣ, ки бо ин ҳузабр.
Натобӣ, ту худро мапӯшон ба қабр.
Бикардем тороҷ ганҷу буна,
Ба Эрон наҳиштему ҷуз дармана.
Ба шодӣ ба рӯиндиж - андар шавем,
Нишинему бо моҳ ҳамбар шавем,
Ки гар пар барорад ял Исфандёр,
Наёрад гузаштан бар он раҳгузор.
Ту нашнидӣ он достони шағол,
Ки зад бо яке пиргӯри ҳамол,
Ки сагро ба хона далерӣ бувад,
Чу бегона шуд, бонги вай кам шавад.
Варо посух овард пас Гургсор,
Ки фардо маро бин ту, эй шаҳрёр,
Чу рӯй андароранд лашкар ба рӯй,
Чунонаш рабоям чу коҳе зи кӯй.
2. ТПЗЛ – Ҳама шаб ҳаме лашкар оростанд,
Зи дар борам паҳлавон хостанд.
3. ТПЗИЛ – Чу лашкар биёрост Исфандиёр,
Ҷаҳон шуд зи гурдон чу дарёи қор.

www.sattor.com

Ҳамон низ[1] Настур пури Зарир,
К-аз ӯ беша бугзоштӣ[2] наррашер,

Биёрост бар маймана ҷои хеш,
Сипаҳбад буду лашкарои хеш.

Чу Гаргуи ҷангӣ сӯи майсара,
Биёмад чу хур пеши бурҷи бара.[3]

В-аз он рӯй Арҷосп саф баркашид,
Ситора ҳаме рӯи ҳомун надид.

Зи бас найзаву теғҳои бунафш
Ҳаво гашт пурпарниёни дурафш.

Шуда қалби Арҷосп чун обнус,
Сӯи росташ Кӯҳраму бӯқу кӯс.[4]

Сӯи майсара буд шоҳи Чигил,
Ки дар ҷанг аз ӯ хостӣ шер дил.

Чу Арҷосп дид он сипоҳи гарон,
Гузида саворони[5] найзаварон,

Биёмад, яке тунд боло гузид,
Ба ҳар сӯи лашкар ҳаме бингарид.[6]

Шикӯҳ омад андар дилаш з-он сипоҳ,
Ба чашмаш ҷаҳон гашт яксар сиёҳ.[7]

---

1. Л – Бишуд гурд.
2. Л – Ки бугзоштӣ беша з-ӯ.
3. И – б. 1406 1409 нест.
4. ТПЗИЛ – Баромад зи ҳарду сипаҳ гирудор,
   Ба пеш андаромад ял Исфандёр.*
   *Дар «З» ин б. пас аз б. 1413 омада, ки ба мақсад наздиктар аст.
5. ИЛ – саворону.
6. ТПЗ – Сипоҳе, ки чандон надидаст кас,
   Аз андӯҳ яке сард барзад нафас.
7. Л – б. 1416 нест.

www.sattor.com

В-аз он пас бифармуд, то сорвон
Ҳаюн орад аз дашт сад корвон.[1]

Чунин гуфт бо номдорон ба роз,
Ки чун гардад ин кор бар мо дароз,

Наёяд падидор пирӯзие,
Дурахшидане ё дилафрӯзие,[2]

Худу вижагон бар ҳаюнони чуст
Бибояд ба осудагӣ роҳ ҷуст.

Чу Исфандёр аз миёни ду саф
Чу шери жиён бар лаб оварда каф,

Ҳаме гашт бар сони гардонсипеҳр,
Ба ҷанг*[3] -андарун гурзаи говчеҳр.

Ту гуфтӣ ҳама дашт болои ӯст,
Равонаш[4]*[5] ҳаме дарнагунҷад ба пӯст.

Хурӯш омаду нолаи каррной,
Бирафтанд гурдони лашкар зи ҷой.

Ту гуфтӣ зи хун дашт дарё шудаст,
Зи ханҷар ҳаво чун сурайё шудаст.

Гарон шуд рикоби ял Исфандёр,
Биғуррид бо гурзаи говсор.

Бияфшурд бар гурзи пӯлод мушт,
Зи қалби сипаҳ турк*[6] сесад бикушт.

Чунин гуфт, к-«Аз кини Фаршедвард
Зи дарё барангезам имрӯз гард.

1. И – б. 1416, 1417 нест.
2. ИЛ – б. 1419 нест.
3. М – Ба даст.
4. Л – зи кина.
5. М – В-аз оташ.
6. М – гурд.

www.sattor.com

В-аз[1] он пас абар[2] маймана ҳамла бурд,
Инон бораи тезтагро супурд.

Саду шаст мард аз далерон бикушт,
Чу Кӯҳрам чунон дид, бинмуд пушт.

Чунин[3] гуфт, к-ин кини хуни ниёст,
К-аз шоҳро дил пур аз кимиёст.[4]

Инонро бупечид бар майсара,
Замин шуд чу дарёи хун яксара.

Бикушт аз далерон саду шасту панҷ
Ҳама номдорони ботоҷу ганҷ.

Чунин гуфт, к-ин кини он сиву ҳашт
Гиромӣ барودар, ки андаргузашт.

Чу Арҷосп он дид, бо Гургсор,
Чунин гуфт, к-«Ин лашкари бешумор,

Ҳама кушта шуд, ҳеч ҷангӣ намонд,[5]
Ба пеши саф-андар дирангӣ намонд.[6]

Надонам ту хомуш чаро мондаӣ,
Пас он достонҳо чаро хондаӣ?»

Зи гуфтори ӯ тез шуд Гургсор,
Биёмад ба пеши сафи корзор.[7]

Гирифта камоне каёнӣ ба чанг,
Яке тири пӯлодпайкон ханг.

Чу наздик шуд, ронд андар камон,
Бизад бар бару синаи паҳлавон.

1. Л – аз.
2. Л – суи.
3. Л – Бад-ӯ.
4. И – б. 1430 – 1431 нест.
5. Л – ҳар кӣ ҷангӣ буданд.
6. Л – буданд.
7. Л – Ял Исфандёр.

www.sattor.com

Зи зан андаровехт Исфандёр,
Бад-он то гумоне барад Гургсор,

Ки он тир бугзашт бар ҷавшанаш,
Бихаст он каёнӣ тани равшанаш.

Яке теғи алмосгун баркашид,
Ҳаме хост аз тан сарашро бурид.

Натарсид Исфандёр аз газанд,
Зи фитрок букшод печон каманд.

Ба номи ҷаҳонофарин кирдгор,
Бияндохт бар гардани Гургсор,

Ба банд андаромад сару гарданаш,
Ба хок андарафканд ларзон танаш.[1]

Ду даст аз паси пушт басташ чу санг,
Гиреҳ зад ба гардан-ш бар полҳанг.

Ба лашкаргаҳ овардаш аз пеши саф,
Кашону зи хун бар лаб оварда каф.

Фиристод бадхоҳро назди шоҳ
Ба дасти ҳумоюни арринкулоҳ.

Чунин гуфт, к-«Инро ба пардасарой
Бубанду ба куштан макун хеч рой.

Кунун то киро бар диҳад рӯзгор,
Кӣ пирӯз баргардад аз корзор?»

В-аз он ҷойгоҳ шуд ба овардгоҳ,
Ба ҷанг андаровард яксар сипоҳ.[2]

---

1. ТП – Фуруд омад аз пушти бора далер,
Биёзид чангол чун наррашер.
2. ТПЗЛ – Барангехтанд оташи корзор,
Ҳаво тирагун шуд зи гарди савор.
Чу Арҷосп пайкор з-он гуна дид,
Зи ғам суст гашту дилаш бартапид.
* Л – танҳо б. дуввӯм мавҷуд аст.

www.sattor.com

Ба ҷанговарон гуфт: «Кӯҳрам куҷост,
Дурафшаш на пайдост бар дасти рост.

Ҳамон теғзан Кундури[1] шергир,
Ки бугзоштӣ найза бар кӯҳу тир?

Ба Арҷосп гуфтанд, к-«Исфандёр
Ба разм-андарун буд бо Гургсор,

Гирифтор шуд он гави наррашер
Ба дасти ял Исфандёри далер.[2]

Зи теғи далер он ҳаво шуд бунафш,
На пайдост он гургпайкар дурафш.»

Ғамӣ шуд дил Арҷоспро з-он шигифт,
Ҳаюн хост роҳи биёбон гирифт.

Худу вижагон бар ҳаюнони маст
Бирафтанду аспон гирифта ба даст.

Сипаҳро бад-он размгаҳ-бар бимонд,
Худу меҳтарон сӯи Халлух биронд.

Хурӯше баровард[3] Исфандёр
Битӯфид[4] аз овози ӯ кӯҳсор.[5]

Ба эрониён гуфт: «Шамшери ҷанг
Мадоред хира гирифта ба чанг.

Ниём аз дилу хуни душман кунед,
Зи кушта*[6] замин кӯҳи Қоран кунед».

Бияфшурд рон лашкари кинахоҳ,
Сипаҳ андаромад ба пеши сипоҳ.

---

1. И – Андаримон гави.
2. ИЛМ – б. 1456 нест.
3. Л – баромад зи.
4. Л – Биларзид.
5. Л – дашту кор.
6. М – туронзамин.

www.sattor.com

Ба хун ғарқа шуд хоку сангу гиё,
Бигаштӣ ба хун, гар будӣ осиё.[1]

Ҳама дашт пову сару пушт буд,
Бурида сару теғ дар мушт буд.

Саворони ҷангӣ ҳаме тохтанд,
Ба коло гирифтан напардохтанд.[2]

Чу туркон шуниданд, к-Арҷосп рафт,
Ҳама пӯстшон бар тан аз ғам бикафт.

Касеро ки буд бора, бугрехтанд,
Дигар таргу[3] ҷавшан фурӯ рехтанд.

Ба зорӣ бар Исфандёр омаданд,
Ҳама дида чун навбаҳор*[4] омаданд.

Бар эшон бибахшуд зӯрозмой
В-аз он пас наяфканд касро зи пой.

Зи хуни ниё дил пурозор кард,
Сареро бар эшон нигаҳдор кард.

Худу лашкар омад ба наздики шоҳ,
Пур аз хун бару теғу румикулоҳ.

Зи хун дар кафаш ханҷар афсурда буд,
Бару китфаш аз ҷавшан озурда буд.

Бишустанд шамшеру чангаш ба шир,
Кашиданд берун зи хафтон-ш тир.

Ба об андаромад, сару тан бишуст
Ҷаҳонҷӯй шодондилу тандуруст.

1. И –б. 1465 нест.
2. И –б. 1467 нест.
3. И – теғу.
4. М – Ду дида чу абри баҳор.

www.sattor.com

Яке ҷомаи тарсгорон[1] бихост,
Биёмад сӯи довари додрост.

Ба*[2] як ҳафта дар пеши Яздони пок
Ҳаме буд Гуштосп бо тарсу[3] бок.

Ниёиш ҳаме кард худ бо писар[4]
Бад-он офаринандаи додгар.[5]

Ба ҳаштум ба ҷой омад Исфандёр,
Биёмад бараш дар замон[6] Гургсор.

Зи ширин равон дил[7] шуда ноумед,
Тан аз бим ларзон чу аз бод бед.[8]

Бад-ӯ гуфт: «Шоҳо, ту[9] аз хуни ман
Ситоиш наёбӣ ба ҳар анҷуман.

Яке банда бошам ба пешат ба пой,
Ҳамеша ба некӣ туро раҳнамой.

Ба ҳар бад ки ояд, забунӣ кунам,
Ба рӯиндижат раҳнамунӣ кунам».

Бифармуд, то банд бар дасту пой
Бирад ҳамчунонаш ба пардасарой.

Ба лашкаргаҳ омад, ки Арҷосп буд,
Ки резандаи хуни Лӯҳросп буд.[10]

1. ЛМ – сӯгворон.
2. М – Яке.
3. Л – дарду.
4. Л – падар.
5. И – б. 1479 нест.
6. И – ба даргоҳи ӯ.
7. И – ҷону равонаш.
8. ТПЗ – Заминро бари тахти ӯ дода бӯс,
Зи бас бим рухсори ӯ сандарӯс.
9. И – Эй шоҳ.
9 Л – рӯинтанат.
10. И –б. 1485 нест.

www.sattor.com

Бубахшид аз он размгаҳ хоста,
Савору пиёда шуд ороста.

Саронро супурд он ки ӯ бурда буд,[1]
Бикушт он кӣ з-ӯ[2] лашкар озурда буд.

ФИРИСТОДАНИ ГУШТОСП ИСФАНДЁРРО БОРИ ДИГАР БА ҶАНГИ АРҶОСП

В-аз он пас биёмад ба пардасарой,
Зи ҳар гуна андохт бо шоҳ рой.

Зи Лӯҳросп в-аз кини Фаршедвард
В-аз он номдорони рӯзи набард.[3]

Бад-ӯ гуфт Гуштосп, к-«Эй зӯрманд,
Туӣ шоддил, хоҳаронат ба банд.

Хунук он ки бар кинагаҳ кушта шуд,
На аз нанги туркон сараш гашта шуд.

Чу бар тахт бинанд моро нишаст,
Чӣ гӯяд касе к-ӯ бувад зердаст.

Бигӯям*[4] бар ин нанг, то зиндаам,
Ба мағз-андарун оташ огандаам.[5]

Пазируфтам аз кирдгори баланд,
Ки гар ту ба Туронзамин бегазанд

Ба мардӣ шавӣ дар дами аждаҳо,
Кунӣ хоҳаронро зи туркон раҳо,

1. Л – Сарони асирон, ки оварда буд.
2. Л – аз.
3. ТПЗ – Бигуфто ҷаҳондор Гуштоспро,
Ки чун хостам кини Лӯҳроспро.
Ба уммеди тоҷ аз падар чашм дошт,
Падар з-ин сухан бар писар хашм дошт.
4. М – Бигирям.
5. Л – афгандаам.

www.sattor.com

Супорам туро тоҷи шоҳаншаҳӣ,
Ҳамон[1] ганҷи беранҷу тахти меҳӣ.[2]

Чунин посух овардаш Исфандёр,
Ки бе ту мабинод кас рӯзгор.

Туро, эй[3] падар, ман яке бандаам,
На аз баҳри шоҳӣ пижӯҳандаам.[4]

Фидои ту дорам тану ҷони хеш,
Нахоҳам сари тахту фармони хеш.

Шавам, боз хоҳам зи Арҷосп кин,
Намонам бару буми Туронзамин

Ба тахт оварам хоҳаронро зи банд
Ба бахти ҷаҳондор шоҳи баланд».

Бар ӯ офарин кард Гуштосп, гуфт,
Ки «Бо ту хирад бод ҳамвора ҷуфт.

Ба рафтан-т Яздон паноҳи ту бод,
Ба бозомадан тахт гоҳи ту бод![5]

Бихонд он замон лашкар аз ҳар суве,
Зи ҷое[6] ки буд мӯбаде ё гаве.

Гузин кард аз эшон даҳу ду ҳазор,
Саворони аспафкану номдор.[7]

---

1. Л – ҳама.
2. ТПЗЛ- Маро ҷойгоҳи парастиш бас аст,
Ки ин ганҷи ман баҳри дигар кас аст.
3. ИЛМ – Ба пеши.
4. И – Равонро ба фармон-ш огандаам.
5. Л – бар ӯ буми.
6. И –б. 1507, 1508 нест.
7. Л – Ба ҳар ҷо.
8 Л – мардафкани кинадор.

www.sattor.com

Бад-эшон бипардохт ганҷу[1] дирам,
Накард эч дилро ба бахшиш дижам.

Бубахшид тахте[2] ба Исфандёр,
Яке тоҷи пургавҳари шоҳвор.[3]

Хурӯше баромад зи даргоҳи шоҳ,
Ки аспи сарафрози шоҳон бихоҳ.

Ба ҳомун кашиданд пардасарой
Дурафше, куҷо пайкараш буд[4] ҳумой.

Ба рафтан ниҳод он замон сар сипоҳ,
Шуд аз гард хуршеди тобон сиёҳ.[5]

Аз айвон ба дашт омад Исфандёр,
Сипоҳе бидид аз дари корзор.[6]

---

1. Л – бубахшид ганҷу; И – ганҷу.
2. Л – ганҷе.
3. ТПЗ – Ду раҳ сад ҳаюн кард дар зери бор,
Ҳама з-олати базм в-аз корзор.
4. Л – пайкари ӯ.
5. И – б. 1514, 1515 нест.
6. ТПЗ – Чунон баста дар банди ӯ Гургсор
Биёвард озурдаву сӯгвор.
Башутан, ки буд шохро раҳнамой.
Варо кард дастури фархундарой.
Ҳаюнони пурбор чун се ҳазор
Чи аз хӯрданиву чи динорбор,
Ки роҳе буд он сахт душвору дур,
Нашуд кас бад-он раҳ зи Эрон ба Тур.
Ҷаҳонҷӯй з-он бора омад фуруд,
Бад он, то шавад шоҳ аз он бодуруд.
Падар мар писарро ба бар даргирифт,
Ба гуфтори некӯ сухан даргирифт.
Ки пирӯзу шодон зӣ аз тоҷу тахт
Туро ёр Яздону пирӯз бахт.
Агар боз бинам туро тандуруст,
Ҳама ганҷ бо тоҷу тахт они туст,
Бибӯсид дасти падарро ба меҳр,
В-аз он ҷой баргашт рахшанда чеҳр.
Биёмад в-аз он сӯи айвон расид,
Ҳамон модарашро ба парда бидид.
Бипурсидашу кард вайро дуруд,
Ҳамин буд он к-ам зи мӯбад шунуд.

www.sattor.com

ДОСТОНИ ҲАФТ ХОН

СИТОИШИ ПОДШОҲ МАҲМУД

Кунун з-ин сипас ҳафт хон оварам,
Суханҳои нағзу ҷавон оварам.

Бигӯям ба таъйиди Маҳмудшоҳ
Бад-он фарру он хусравонӣ кулоҳ.

Бад-он кину доду бад-он разму базм[1],
Бад-он амру наҳйу бад-он рою[2] азм.

Агар бахт якбора ёрӣ кунад,
Бар ин табъи ман комгорӣ кунад,[3]

Ки шоҳи ҷаҳон ҷовидон зинда бод,
Бузургони гетӣ варо банда бод!

Чу хуршеди тобанда бинмуд чеҳр,
Биёрост рӯи заминро ба меҳр.

Ба бурҷи бара[4] тоҷ бар сар ниҳод,
Биёрост рӯи заминро ба меҳр.

Пур аз гулғули раъд шуд кӯҳсор,
Пур аз наргису лола шуд ҷӯйбор.

Зи лола шикебу зи наргис фиреб,
Зи сунбул ниҳебу зи гулнор зеб.

Пуроташ дили абру пуроб чашм,
Хурӯши муғанниву ҷастан ба*[5] хашм.

---

1. ЛМ – гиру дору бад-он разму базм.
2. Л – хуррамӣ в-он накӯ рой,
3. Л –б. 1520 пас аз б. 1517 омада, ки ба мазмун бештар алоқаманд аст.
   ТПЗ – Бигӯям ҳаме достони шигифт,
   К-аз он марди доно шигифтӣ гирифт.
4. ИЛ – ҳамал
5. М – муғаннӣ пур аз тобу.

www.sattor.com

Чу оташ бараояд, биполояд об
В-аз овози ӯ сар дароояд зи хоб.[1]

Чу бедор гардӣ, ҷаҳонро бубин,
Ки дебост ё нақши Монӣ ба[2] Чин.

Чу рахшанда гардад ҷаҳон з-офтоб,
Рухи наргису лола бинад пуроб.

Бихандад, бигӯяд, ки эй шӯхчашм,
Зи ишқи ту гирям, на аз дарду хашм.

Нахандад замин, то нагиряд ҳаво,
Ҳаворо нахонам кафи подшо,[3]

Ки борони ӯ дар баҳорон бувад,
На чун ҳиммати шаҳрёрон бувад.

Ба хуршед монад ҳаме дасти шоҳ,
Чу[4] андар ҳамал барфарозад кулоҳ.

Агар ганҷ пеш ояд, ар хоки хушк
В-агар оби дарёву гар дурру мушк,

Надорад ҳаме рӯшноиш боз,
Зи дарвешу аз шоҳи гарданфароз.

Кафи шоҳ Абулқосим он подшо
Чунин аст бо поку нопорсо.

Дареғаш наояд зи бахшидан эч,
На ором гирад ба рӯзи басеч.

Чу ҷанг оядаш пеш, ҷанг оварад,
Сари шаҳрёрон ба чанг оварад,

1. И –б. 1527 нест.
2. И – Саҳрош бо нақши Монии.
3. И – 1529 – 1531 нест.
4. И – КИ.

www.sattor.com

Бад-он кас, ки гардан ниҳад, ганҷи хеш
Бубахшад, наандешад аз ранҷи хеш.[1]

Ҷаҳонро ҷаҳондор Маҳмуд бод
В-аз ӯ бахшишу дод мавҷуд бод![2]

Зи рӯиндиж акнун ҷаҳодида пир
Нигар то чӣ гӯяд, ту з-ӯ ёд гир.

ХОНИ АВВАЛ – КУШТАНИ ИСФАНДЁР ДУ ГУРГРО

Сухангӯй деҳқон чу бинҳод хон,
Яке достон ронд аз Ҳафтхон.

Яке ҷоми заррин ба каф баргирифт,
Зи Гуштосп он гаҳ сухан даргирифт.

Зи Рӯиндижу кори Исфандёр,
Зи роҳу зи омӯзиши Гургсор.[3]

Чунин гуфт, чун ӯ биёмад ба Балх,
Забону равон пур зи гуфтори талх.

1. И – 1539 нест.
2. ТПЗ – Ки гар Ҷамму Кайхусраву Кайқубод,
Фаридуну Искандари кайнажод
Бароранд бо тоҷ сарро зи хок,
Кунанд ин ҷаҳонро зи бедод пок,
Ба ҳар ҳол бошанд аз ӯ боз пас,
Ки ӯро ҷаҳондор ёр асту бас.
Бад-ин нома чун даст кардам дароз
Ба номи шаҳаншоҳи гарданфароз,
Наҷустам бад-ин ман магар номи хеш,
Бимонам, биёбам магар коми хеш.
Ҳама паҳлавонону гарданкашон,
Ки додам дар ин қисса з-эшон нишон,
Ҳама мурда аз рӯзгори дароз,
Шуд аз гуфти ман номашон зинда боз.
Манам Исӣ он мурдагонро кунун,
Равоншон ба мину шуда раҳнамун.
Бимонод то ҳаст гардун ба пой,
Мар ин достони ҳумоюн ба ҷой.
3. Л - б. 1544 нест.

www.sattor.com

Зи пеши падар рафт Исфандёр,
Сӯи роҳи Турон або Гургсор.

Ҳаме ронд, то пешаш омад ду роҳ,
Саропардаву хайма зад бо сипоҳ.

Бифармуд, то хон биёростанд,
Маю руду ромишгарон хостанд.

Бирафтанд гурдони лашкар ҳама,
Нишастанд бар хони шоҳи рама.

В-аз он пас бифармуд, то Гургсор
Шавад хастадил[1] пеши Исфандёр[2].

Бифармуд, то ҷоми заррин чаҳор
Дамодам бидоданд бар Гургсор.

В-аз он пас бад-ӯ гуфт, к-«Эй тирабахт,
Расонам туро ман ба тоҷу ба тахт.

Гар эдун ки ҳар ч-ат бипурсам, ту рост
Бигӯӣ, ҳама буми туркон[3] туррост.[4]

Чу пирӯз гардам, супорам туро,
Ба хуршеди тобон барорам туро.

Наёзорам онро, ки пайванди туст,
Ҳам онро куҷо хешу фарзанди туст.

В-агар хеч гардӣ ба гирди дурӯғ,
Нагирад дурӯғат бари ман фурӯғ,

Миёнат ба ханҷар кунам бар ду ним,
Дили анҷуман гардад аз ту ба бим».

---

1. ЛМ – доғдил.
2. И – б. 1548 – 1549 нест.
3. ЛМ – Марзи Турон.
4. И – пас аз б. 1553 ин б. омада:

Ҳама шаҳри Турону туркони Чин
Або ганҷу бо тоҷу тахту нигин.

www.sattor.com

Чунин дод посух варо Гургсор,
Ки «Эй номвар фаррух Исфандёр,

Зи ман нашнавад шоҳ ҷуз гуфти рост,
Ту он кун, ки аз подшоҳон[1] сазост».

Бад-ӯ гуфт: «Рӯиндиж акнун куҷост,
Ки он марз аз марзи Эрон ҷудост?

Бад-ӯ чанд роҳ асту фарсанг чанд,
Кадом аст бар вай раҳи бегазанд?

Сипаҳ чанд бошад- бигуфто[2] дар ӯй,
Зи болои диж ҳар чӣ донӣ, бигӯй».

Чунин дод посух варо Гургсор,
Ки «Эй некдил[3], фаррух[4]*[5] Исфандёр,

Се роҳ аст аз эдар бад-он боргоҳ,
Ки Арҷосп хондаш ба пайкоргоҳ.

Яке дар се моҳу яке дар ду моҳ
Сипаҳро ҳаме ронд бояд ба роҳ.

Яке роҳи пуробу хиргоҳу шаҳр
Кунад бар бузургони Турон ду баҳр.

Дигар он ки роҳаш бувад дар ду моҳ,
Сипаҳро хуриш танг бошад ба роҳ.

Гиё нест, обишхӯри чорпой,
Фуруд омаданро наёбӣ ту ҷой.

Се дигар бибуррад ба як ҳафта роҳ,
Ба ҳаштум ба Рӯиндиж ояд сипоҳ.

1. Л – дар подшоҳӣ; И – бо подшоҳӣ.
2. ИЛ – ҳам еша.
3. Им – нек-пай.
4. Л – шердил хусрав.
5. М – хусрав.

www.sattor.com

Пур аз шеру гург асту нараждаҳо,
Ки аз чангашон кас наёбад раҳо.

Фиреби зани ҷоду аз гургу шер
Фузун асту з-он аждаҳои далер.

Якеро зи дарё барорад ба моҳ,
Якеро нагун андарорад ба чоҳ.

Биёбону Сумурғу сармои сахт,
Ки чун бод хезад, бидаррад дарахт.

В-аз он пас чу Рӯиндиж ояд падид,
На диж дид аз он сон касе, на шунид.

Сари бора бартар зи абри сиёҳ,
Бад-ӯ - дар фаровон силеҳу сипоҳ.

Ба гирд-андараш обу рӯди равон,
Ки аз диданаш тоза гардад равон.

Ба киштӣ бар ӯ бугзарад шаҳрёр,
Чу ояд ба ҳомун зи баҳри шикор.

Ба сад сол агар монад андар ҳисор,
Зи ҳомун наёяд-ш*[1] чизе ба кор.

Ҳам андар дижаш киштманду гиё,
Дарахти барӯманд, ҳам осиё».

Чу Исфандёр ин суханҳо шунид,
Замоне бупечиду дам даркашид.

Бад-ӯ гуфт: «Моро ҷуз ин роҳ нест,
Ба гетӣ беҳ аз роҳи кӯтоҳ нест».

Чунин посух овард пас Гургсор,
Ки «Бар ҳафт хон ҳаргиз, эй шаҳрёр,

1. М – набоядш.

www.sattor.com

Ба зӯру ба озор нагзашт кас,
Магар к-аз тани хештан кард бас».

Бад-ӯ номвар гуфт: «Агар бо манӣ,
Бубинӣ дилу зӯри оҳарманӣ.

Ба пешам чӣ ояд, чӣ гӯӣ, - нахуст,
Ки бояд зи пайкори ӯ роҳ ҷуст?»

Чунин дод посух варо Гургсор,
Ки «Эй номвар марди нобокдор,

Нахустин ба пеши ту ояд ду гург,
Нару мода ҳар як чу пили сутург.

Ба сони гавазнон ба сар бар суру[1],
Ҳаме размми шерон кунанд орзу.[2]

Ду дандон ба кирдори пили жаён,
Бару ёл фарбеҳу лоғар миён».

Бифармуд, то ҳамчунонаш ба банд
Ба хиргоҳ бурданд зору нажанд.

Биёрост хуррам яке боргоҳ,
Ба сар барниҳод он каёнӣ кулоҳ.[3]

Чу хуршед бинмуд тоҷ аз фароз,
Ҳаво бар замин низ букшод роз,

Зи даргоҳ бархост овои кӯс,
Замин оҳанин шуд, сипеҳр обнӯс.

Сӯи Ҳафтхон рӯ ба Турон ниҳод,
Ҳаме рафт бо лашкар ободу шод.

1. И – суруй.
2. И – орзуй.
3. И – б. 1591 нест.

www.sattor.com

Чу аз роҳи наздик*[1] манзил расид,
Зи лашкар ҷаҳондидае[2] баргузид.

Башутан яке марди бедор буд,
Сипаҳро зи душман нигаҳдор буд.

Бад-ӯ гуфт: «Лашкар ба оин бидор,
Ҳаме печам аз гуфтаи Гургсор.

Манам пешрав, гар ба ман бад расад,
Бад-ин кеҳтарон*[3] бад наёяд, сазад».

Биёмад, бипӯшид хафтони ҷанг,
Кашиданд бар аспи*[4] шабранг танг.[5]

Сипаҳбад чу омад ба наздики гург,
Бияфшурд рон ҳамчу пили сутург.

Бididанд гургон бару ёли ӯй,
Миёни ялӣ чангу кӯполи ӯй,

Зи ҳомун сӯи ӯ ниҳоданд рӯй
Ду пили дижогоҳу ду ҷангҷӯй.

Камонро ба зеҳ кард марди далер,
Биғуррид бар сони дарранда*[6] шер.

Ба оҳарманон тирборон гирифт,
Ба тундӣ камини саворон гирифт.

Зи пайкони пӯлод гаштанд суст,
Наёмад яке пеши ӯ тандуруст.

Нигаҳ кард равшандил Исфандёр,
Бидид он ки з-ӯ суст гаштанду зор.

1. М – рафтан ба.
2. Л – яке номвар.
3. М – дигарон.
4. М – бубастанд бар пушти.
5. ТПЗ – Сипаҳбад бар асп андаровард пой,
Ту гуфтӣ, ки гардун баромад зи ҷой.
6. М – ғурранда.

www.sattor.com

Яке теғи заҳробгун баркашид,
Инонро гарон карду сар даркашид,

Сароншон ба шамшер баркард[1] чок,
Гил ангехт аз хуни эшон зи хок.

Фуруд омад аз номвар борагӣ,
Ба Яздон-ш бинмуд бечорагӣ.

Силеҳу тан аз хуни эшон бишуст,
Бар он хок-бар покҷое биҷуст,

Бар он рег сар[2] сӯи хуршед кард,
Диле пур зи дарду рухе[3] пур зи гард.

Ҳаме гуфт, к-«Эй довари додгар,
Ту додӣ маро зӯру фарру[4] ҳунар.

Ту кардӣ дадонро бад-ин хок ҷой[5],
Ту бошӣ ба ҳар некие раҳнамой».[6]

Чу омад сипоҳу Башутан фароз,
Бидиданд ялро ба ҷои намоз.

Бимонданд аз он кор гурдон шигифт,
Сипаҳ яксар андеша андаргирифт,

Ки ин гург хонем ё пили маст,
Ки ҷовид бод ин дилу теғу даст.

Абе ӯ, ки авранги шоҳӣ мабод,
Бузургиву базму сипоҳӣ мабод!

Бирафтанд гурдони фархундарой,
Бари ӯ кашиданд пардасарой.

---

1. ИЛ – Саросар ба шамшерашон кард.
2. Л – Пур аз ранг рух.
3. И – саре.
4. Л – ҳушу.
5. И – Тани Гургро чок-чок.
6. И – некӣ Яздони пок.

www.sattor.com

Яке хони заррин биёростанд,
Хуришҳо бихӯрданду май хостанд.

ХОНИ ДУВУМ – КУШТАНИ ИСФАНДЁР ШЕРОНРО

Ғам омад ҳаме баҳраи Гургсор
Зи гургони ҷангиву Исфандёр.[1]

Бифармуд то бастаро пеши ӯй
Бибурданд ларзону пур об рӯй.

Се ҷоми маяш доду пурсиш гирифт,
Ки «Акнун чӣ гӯӣ, чӣ бинам шигифт?»

Чунин гуфт бо номвар Гургсор,
Ки «Эй тоҷвар, шердил шаҳрёр,

Дигар манзилат шер ояд ба ҷанг,
Ки бо ҷанги ӯ барнатобад наҳанг.

Уқоби диловар бар он роҳи шер
Напаррад, агарчанд бошад далер».

Бихандид равшандил Исфандёр,
Бад-ӯ гуфт, к-«Эй турки носозгор,[2]

Бубинӣ, ки фардо або наррашер
Чӣ гӯяд ба шамшер марди *[3] далер».

Чу торик шуд шаб бифармуд шоҳ,
Аз он ҷойгаҳ баргирифтанд роҳ,

Шаби тира лашкар ҳаме ронд тез[4]
Ду дида пур аз хуну дил пурситез.[5]

1. И –б. 1620 нест.
2. И – б. 1626 нест.
3. М – Чигуна шавам ман ба ҷангаш.
4. ИМ – ҳаме ронданд.
5. ИМ – Бар ӯ – бар ҳаме офарин хонданд.

www.sattor.com

Чу хуршед аз он чодари лоҷвард
Баромад, бипӯшид[1] дебои зард.

Сипаҳбад ба ҷои далерон расид,
Ба ҳомун ба пархоши шерон расид.

Башутан бифармуд, к-омад ба пеш,
В-аро пандҳо дод аз андоза беш.

Бад-ӯ гуфт, к-«Ин лашкари сарфароз
Супурдам туро, ман шудам размсоз.

Биёмад, чу бо шер наздик шуд,
Ҷаҳон бар дили шер торик шуд.

Яке нарра буду дигар модашер,
Бирафтанд пархошҷӯю далер.

Чу нар андаромад, яке теғ зад,
Бишуд ранги рӯяш[2] чу ранги бусад.

Зи сар то миёнаш ба ду ним гашт,*[3]
Дили шери мода пур аз бим гашт.*[4]

Чу ҷуфташ барошуфту омад[5] фароз,
Яке теғ зад бар сараш сарфароз.*[6]

Ба рег-андар афтод ғалтон сараш,
Зи хун лаъл шуд дасту рангин бараш.

Ба об андаромад, сару тан бишуст,
Нигаҳдор ҷуз покяздон наҷуст.

Чунин гуфт, к-«Эй довари додпок,
Ба дастам бадонро ту кардӣ ҳалок.

1. Л – Яке манзаре кард.
2. Л – теғаш.
3. М – кард.
4. М – кард.
5. Л – Барошуфту омад бари ӯ.
6. М – Сарфароз.

www.sattor.com

Ҳам андар замон лашкар он ҷо расид,
Башутан бару ёли шерон бидид.

Бар Исфандёр офарин ҳар касе[1]
Бихонданд аз андоза афзун басе.[2]

В-аз он пас биёмад яли раҳнамой
Ба наздики хиргоҳу пардасарой.

Ниҳоданд хону хуришҳои нағз
Ба назди шаҳаншоҳи покизамағз.

ХОНИ СЕВУМ – КУШТАНИ ИСФАНДЁР АЖДАҲОРО

Бифармуд, то пеши ӯ Гургсор
Биёмад бадандешу бадрӯзгор.

Се ҷоми маи лаълфомаш бидод,
Чу Аҳриман аз ҷоми май гашт шод,

Бад-ӯ гуфт к-«Эй марди бадбахту хор,
Зи дидори[3] фардо чӣ дорӣ, биёр»?[4]

Чу оташ ба пайкор биштофтӣ,
Чунин бар балоҳо гузар ёфтӣ.

Надонӣ, ки фардо чӣ ояд-т пеш,
Бубахшой бар бахти бедори хеш.

В-аз эдар чу фардо ба манзил расӣ,
Яке кор пеш аст аз ин як басе.

Яке аждаҳо пешат ояд дижам,
Ки моҳӣ барорад зи дарё ба дам.

---

1. И – Хонданд.
2. И – Варо паҳлавони замин хонданд.
3. Ил – Чӣ донӣ зи.
4. Л – пас аз б. 1648 ин б. омада:
   Чӣ ояд, чӣ гӯӣ ба фардо барам,
   Бар ин роҳи душвор чун бугзарам?

www.sattor.com

Ҳаме оташ афрӯзад аз коми ӯй,
Яке кӯҳи хорост андоми ӯй,

Аз ин роҳ агар бозгардӣ, равост,
Равонам бар ин панди ман-бар гувост.

Дареғат наёяд ҳаме хештан,
Сипоҳе шуда з-ин нишон анҷуман».[1]

Чунин дод посух, ки «Эй баднишон,
Ба бандат ҳаме бурд хоҳам кашон.

Бубинӣ чунин тезчанг аждаҳо
Зи шамшери тезам наёбад раҳо.

Бифармуд, то дургарон оваранд,
Сарафроз чӯби гарон оваранд.

Яке нағз гардуни чӯбин бисохт,
Ба гирдаш - дарун теғҳо дарнишохт.

Ба сар - бар яке кард сандуқи нағз,
Биёрост он дургари покмағз.

Ба сандуқ - дар[2] марди дайҳимҷӯй
Ду аспи гаронмоя баст андар ӯй.

Нишаст озмунро ба сандуқ шоҳ,
Замоне ҳаме ронд аспон ба роҳ.

Зиреҳдор бо ханҷари кобулӣ,
Ба сар барниҳода кулоҳи ялӣ.

Чу шуд ҷанги*[3] он аждаҳо сохта
Ҷаҳонҷӯй аз он ранҷ пардохта,

---

1. И – б. 1656 нест:
   Л – Сипаҳро ҳаме кард хоҳӣ ҳалок,
   Надорӣ ҳаме бар тани хеш бок.
2. Л – шуд.
3. М – кори.

www.sattor.com

Ҷаҳон гашт чун рӯи зангӣ сиёҳ,
Зи бурҷи ҳамал тоҷ бинмуд моҳ.

Нишаст аз бари шӯлак Исфандёр,
Бирафт аз пасаш лашкари номдор.

Дигар рӯз чун гашт равшан ҷаҳон,
Дурафши шаби тира шуд дар ниҳон,[1]

Бипӯшид ҷавшан*[2] ҷаҳондори гурд,
Сипаҳро ба фаррух Башутан супурд.

Биёвад гардуну сандуқ шер,
Нишаст андар ӯ шаҳрёри далер.

Ду аспи гаронмоя баст андар ӯй,
Сӯи аждаҳо тез бинҳод рӯй.[3]

Зи дур аждаҳо бонги гардун шунид,
Хиромидани аспи ҷангӣ бидид,

Зи ҷой андаромад чу кӯҳи сиёҳ,
Ту гуфтӣ, ки торик шуд меҳру[4]*[5] моҳ.

Ду чашмаш чу ду чашма тобон зи хун,
Ҳаме оташ омад зи комаш бурун.

Даҳан боз карда чу ғори сиёҳ,
Ҳаме кард ғуррон бад-ӯ - дар нигоҳ.

Чу Исфандёр он шигифтӣ бидид,
Ба Яздон паноҳиду дам даркашид.[6]

---

1. И –б. 1666 – 1668 нест, Л – б. 1668 нест.
   ТПИЛМ – Башутан биёмад бари номҷӯй
   Ҳаме бо бузургону хешони ӯй.
2. М – хафтан.
3. И – б. 1671 нест.
4. ИЛ – чарху.
5. М - хуру
6. И – б. 1676 нест.

www.sattor.com

Ҳаме ҷуст асп аз газандаш раҳо,
Ба дам даркашид аспро аждаҳо.

Фурӯ бурд гардуну аспон ба ҳам,
Ба сандуқ - дар гашта ҷангӣ дижам

Ба комаш чу он теғҳо дарбимонд,
Чу дарёи хун аз даҳан барфишонд.

На берун тавонист кардан зи ком,
Чу шамшер буд теғу комаш ниём.

Зи гардуну аз теғҳо шуд ғамӣ,
Ба зӯр андаромад-ш лахте камӣ.

Баромад зи сандуқ гурди*[1] далер,
Яке тез шамшер дар чанги шер.

Ба шамшер мағзаш ҳаме кард чок,
Ҳаме дуду заҳраш баромад зи хок.

Аз он дуду он заҳр мадҳуш гашт,
Чу кӯҳе бияфтоду беҳуш гашт.

Башутан биёмад ҳам андар замон
Паси пушти ӯ бо сипоҳи гарон.

Битарсид, к-ӯро бад омад ба рӯй,
Дилаш гашт пурхуну пуроб рӯй.

Сипоҳаш ҳама нола бардоштанд,
Пиёда шуданд, асп бугзоштанд.

Башутан биёмад ҳам андар шитоб,
Ҳаме рехт бар торакаш - бар гулоб.

Ҷаҳонҷӯй чун чашмро боз кард,
Ба гурдони гарданкаш овоз кард,

1. М – марди.

www.sattor.com

Ки «Беҳуш гаштам ман аз дуди заҳр,
Зи захмаш наёмад маро ҳеч баҳр.

Аз он хок бархост, шуд сӯи об
Чу масте ки бедор*[1] гардад зи хоб.

Зи ганҷури худ ҷомаи нав биҷуст
Ба об андаромад, сару тан бишуст.

Биёмад ба пеши худованди пок,
Ҳаме гашт*[2] печону гирён ба хок.

Ҳаме гуфт, к-ин аждаҳоро кӣ кушт,
Магар он ки будаш ҷаҳондор пушт.

Сипоҳаш ҳаме хонданд офарин
Ҳама пеши додор сар бар замин.[3]

Аз он кор пурдард шуд Гургсор,
Куҷо зинда шуд мурда Исфандёр.

ХОНИ ЧАҲОРУМ – КУШТАНИ ИСФАНДЁР ЗАНИ ҶОДУРО

Саропарда зад бар лаби об шоҳ,
Ҳама хайма зад гирдаш - андар сипоҳ.

Май овард бар хону майхора хост,
Ба ёди ҷаҳондор бар пой хост.

Бифармуд, то дар замон[4] Гургсор
Биёмад навон пеши Исфандёр.

Маи хусравонӣ се ҷомаш бидод,
Бихандиду з-он аждаҳо кард ёд.

---

1. М – марде ки беҳуш.
2. М – Ҳаме буд.
3. Л – пас аз б. 1695 ин б омада:
   Ниҳаданду гуфтанд, к-эй шаҳрёр,
   Туӣ поку беайбу пирӯзгор.
4. ИЛМ – доғдил.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй мардуми бебаҳо,
Бубин он дамоҳанҷ нараждаҳо.

Аз ин пас ба манзил чӣ пеш оядам,
Куҷо ранҷу тимор беш оядам?»

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй шоҳи пирӯзгар,
Ҳаме ёбӣ аз ахтари нек бар.

Чу фардо ту дар манзил оӣ фуруд,
Ба пешат зани ҷоду орад дуруд.

Ки дидаст аз ин пеш лашкар басе,
Накардаст печон равон аз касе.

Чу хоҳад, биёбон чу дарё кунад,
Зи болои хуршед паҳно кунад.

Варо ғӯл хонанд, шоҳо, ба ном,
Ба рӯзи ҷавонӣ машав пеши дом.

Ба пирӯзӣ аз аждаҳо бозгард,
Набояд, ки ном андарорӣ ба гард».

Ҷаҳонҷӯй гуфт: «Эй бади шӯхрӯй,
Зи ман ҳар чӣ бинӣ ту, фардо бигӯй.

Ки ман бо зани ҷоду он бад[1] кунам,
Ки пушту дили ҷодувон бишканам[2].

Ба пирӯзии додгар як Худой
Сари ҷодувон андарорам ба пой».

Чу пероҳани зард пӯшид рӯз,
Сӯи бохтар гашт гетифурӯз,

Сипаҳ баргирифту буна барниҳод,
Зи Яздони некидиҳиш кард ёд.

1. Л – ҷодувон он.
2. И – б. 1708 – 1710 нест.

www.sattor.com

Шаби тира лашкар ҳаме ронд шоҳ,
Чу хуршед бифрошт заррин кулоҳ,

Чу ёқут шуд рӯи бурҷи бара,
Бихандид рӯи замин яксара.

Сипаҳро ҳама бо Башутан супурд,
Яке ҷоми заррин пур аз май бибурд[1].

Яке пурбаҳо низ*[2] танбур хост,
Ҳаме разм пеш омадаш, сур хост.

Яке бешае дид ҳамчун биҳишт,
Ки гуфтӣ сипеҳр андар ӯ лола кишт.

Надид аз дарахт андар ӯ офтоб,
Ба ҳар ҷой ҷӯи равон*[3] чун гулоб.

Фуруд омад аз борагӣ, чун сазид,
Зи беша лаби чашмае баргузид[4].

Яке ҷоми заррин ба каф барниҳод
Дар он дам, ки аз май дилаш гашт шод,

Ҳамон гоҳ танбур дар бар гирифт,
Сароидан аз коми дил даргирифт.

Ҳаме гуфт бо худ ял Исфандёр,
Ки ҳаргиз набинам маю майгусор.

Набинам ҷуз аз шеру нараждаҳо,
Зи чанги балоҳо наёбам раҳо[5].

Наёбам ҳаме з-ин ҷаҳон баҳрае
Ба дидори фаррух паричеҳрае.

1. И – б. 1715, 1716 нест.
2. М – сохта нағз.
3. М – ҷойгаҳ чашмае.
4. Л – Сари чашмаобе гузид.
5. И – б. 1723, 1724 нест.

www.sattor.com

Биёбам зи Яздон ҳаме коми дил
Маро гар диҳад чеҳраи дилгусил.

Зани ҷоду овози Исфандёр
Чу бишнид, чун гул шуд андар баҳор.

Чунин гуфт, к-омад ҳизабре ба дом
Або ҷомаву руду пуркарда ҷом.

Пурожанг рӯю бадоину зишт
Бад-он тирагӣ ҷодуиҳо навишт.

1730 Ба сони яке турк шуд хубрӯй
Чу дебои чинӣ руху мушкбӯй.

Ба болой сарву чу хуршед рӯй
Фурӯ ҳишта аз мушк то пой мӯй.

Биёмад ба наздики Исфандёр
Ду рух чун гулистону гул дар канор[1].

Ҷаҳонҷӯй чун рӯи ӯро бидид,
Суруду маю руд бартар кашид.

Чунин гуфт, к-«Эй додгар як Худой,
Ба кӯҳу биёбон туӣ раҳнамой.

1735 Биҷустам ҳам акнун паричеҳрае,
Ба тан шӯҳрае з-ӯ маро баҳрае.

Бидод офаринанда додори дод,
Дилу ҷони покам парастанда бод.

Яке ҷоми пурбодаи мушкбӯй
Бад-ӯ дод, то лаългун кард рӯй.

Яке нағз пӯлод занҷир дошт,
Ниҳон карда аз ҷоду ожир дошт.

1. Л – Нишаст аз бари сабзаву ҷӯйбор.

www.sattor.com

Ба бозуш-бар баста буд Зардуҳишт,
Ба Гуштосп оварда буд аз биҳишт.

Бияндохт занҷир дар гарданаш
Бад-он сон, ки нерӯ набурд аз танаш

Зани ҷоду аз хештан шер кард,
Ҷаҳонҷӯй оҳанги шамшер кард.

Бад-ӯ гуфт: «Бар ман наёрӣ газанд,
Агар оҳанин кӯҳ гардӣ баланд.

Биёрой аз он сон, ки ҳаст он[1] рухат
Ба шамшер бошад[2] кунун посухат.

Ба занҷир шуд ганда пири табоҳ,
Сару мӯи чун барфу рӯи сиёҳ.

Яке тез ханҷар бизад бар сараш,
Ба хок андаромад сару пайкараш.*[3]

Чу ҷоду бимурд, осмон тира гашт,
Бад-он сон, ки чашм андар ӯ хира гашт.

Яке боду абре баромад сиёҳ,
Бипӯшид дидори хуршеду моҳ.

Ба боло баромад ҷаҳонҷӯй мард,
Чу раъди хурӯшон яке вайла кард.

Башутан биёмад сабук бо сипоҳ,
Чунин гуфт, к-«Эй номбардор шоҳ,

На бо захми ту пой дорад наҳанг,
На ҷоду, на шеру на гургу паланг.

Бимонӣ бар ин ҳамнишон сарфароз,
Ҷаҳонро ба меҳри ту бодо ниёз».

1. ИЛМ – ҳастӣ.
2. Л – Ки шамшер ёбӣ.
3. М – Мабодо, ки бинӣ ту сар ё бараш.

www.sattor.com

Яке оташ аз тораки Гургсор
Баромад зи пайкори Исфандёр.

ХОНИ ПАНҶУМ – КУШТАНИ ИСФАНДЁР СИМУРҒРО

Ҷаҳонҷӯй пеши ҷаҳонофарин
Бимолид чанде рух андар замин.

Бад-он беша андар саропарда зад,
Ниҳоданд хонро[1], чунон чун сазад.

Ба дижхим фармуд Исфандёр,
Ки «Бо банд бадбахтро эдар ор!»

Бибурданд ӯро бари шаҳрёр,
Чу дидори ӯ дид Исфандёр,

Се ҷоми маи хусравонӣ бидод,
Чу шуд Гургсор аз маи лаъл шод,

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй турки баргаштабахт,
Сари пири ҷоду бубин бар дарахт,

Ки гуфтӣ, ки ҳомун чу[2] дарё кунад[3],
Сари хешро[4] бар сурайё кунад.

Дигар манзил акнун чӣ бинам шигифт,
К-аз ин ҷоду андоза бояд гирифт».

Чунин дод посух варо Гургсор,
Ки «Эй пили ҷангӣ гаҳи корзор,

Бад-ин манзилат кор душвортар,
Гироядатар бошу бедортар.

---

1. ИМ – хоне.
2. ИЛ – лашкар ба.
3. ИЛ – барад.
4. Л – хештан.

www.sattor.com

Яке кӯҳ бинӣ сар андар ҳаво,
Бар ӯ-бар яке мурғ фармонраво.

Ки Симурғ хонад варо корҷӯй,
Чу паррандакӯҳест пайкорҷӯй.

Агар пил бинад, барорад ба чанг[1]
Зи[2] дарё наҳангу ба хушкӣ паланг[3].

Набинад зи бардоштан ҳеч ранҷ,
Мар*[4] ӯро чу гургу чу ҷоду масанҷ.

Ду баччаст бо ӯ ба болои ӯй
Ҳамон рой пайваста бо рои ӯй.

Чу ӯ дар ҳаво рафт, густурд пар,
Надорад замин тӯшу хуршед фар.

Агар бозгардӣ, бувӣ судманд,
Наёзӣ ба Симурғу кӯҳи баланд».

Таҳамтан[5] бихандиду гуфт: «Эй шигифт,
Ба пайкон бидӯзам мар ӯро ду кифт.

Бибуррам ба шамшери ҳиндӣ бараш,
Ба хок андарорам зи боло сараш».

Чу хуршеди тобанда бинмуд пушт,
Дили ховар аз пушти ӯ шуд дурушт,

Сари ҷангҷӯён сипаҳ баргирифт,
Суханҳои Симурғ дар сар гирифт[6].

Ҳама шаб ҳаме ронд худ бо гурӯҳ,
Чу хуршеди тобон баромад зи кӯҳ.

---

1. ИЛ – абр.
2. Л – Ба.
3. ИЛ – Ҳизабр.
4. М – Туро.
5. Л – сипаҳбад.
6. Л – б. 1771, 1773 нест.

www.sattor.com

Чароғи замона замин[1] тоза кард,[2]
Дару дашт бар дигар андоза кард[3].

Сипаҳро ба солори лашкар супурд,
Ҳамон аспу сандуқу гардун бибурд.

Ҳаме рафт чун бод фармонраво,
Яке кӯҳро дид сар дар ҳаво.

Бад-он соя-дар аспу гардун бидошт,
Равонро ба андеша - андар гумошт[4].

Чу Симурғ аз кӯҳ сандуқ дид,
Пасаш лашкару нолаи бӯқ дид,

Зи кӯҳ андаромад чу абри сиёҳ,
На хуршед пайдо, на тобанда моҳ.

Бад-он буд, ки гардун бигирад ба чанг
Бар он сон, ки нахчир гирад паланг.

Бад-он теғҳо зад ду болу[5] ду пар
Намонд эч Симурғро зӯру фар.

Ба чангу ба минқор чанде тапид,
Чу неру бишуд, з-он сипас*[6] орамид.

Чу диданд Симурғро баччагон
Хурӯшону хун аз ду дида чакон,

Чунон барпариданд аз он ҷойгоҳ,
Ки аз сояшон дида гум кард роҳ.

Чу Симурғ аз он захмҳо гашт суст,
Ба хун аспу сандуқу гардун бишуст.

---

1. Л – фурӯғи замину замон.
2. Л – гашт.
3. Л – гашт.
4. ТПЗЛМ – Ҳаме офарин хонд бар як Худой,
   Ки гетӣ ба фармони ӯ шуд ба пой.
5. ИЛ – пову.
6. М – тани андаромад фурӯ.

www.sattor.com

Зи сандуқ берун шуд Исфандёр,
Буғуррид бо олати корзор[1].

Ҳаме зад бар ӯ теғ, то пора гашт[2]
Чунон чорагар мурғ бечора гашт[3].

Ба пеши ҷаҳонофарин додхоҳ,
Ки додаш ба ҳар неку бад дастгоҳ,

Чунин гуфт, к-«Эй довар додгар,
Ту додӣ маро зӯру ҳушу[4]*[5] ҳунар.

Ту бурдӣ тани ҷодувонро зи ҷой,
Ту будӣ ба ҳар*[6] некиям[7] раҳнамой».

Ҳамон гаҳ хурӯш омад аз каррной,
Башутан биёвард лашкар зи ҷой[8].

Аз он мурғ[9] кас рӯи ҳомун надид,
Ҷуз андому чанголи пурхун надид.

Замин кӯҳ то кӯҳ ҷуз хун набуд,
Зи парраш ту гӯӣ, ки ҳомун набуд.

Бididанд пурхун тани шоҳро,
Куҷо хира кардӣ рухи моҳро.

1. ТПЗИЛМ – Зиреҳдор* шамшери** ҳиндӣ ба чанг,
Чӣ зӯр оварад мурғ неши наҳанг.
* И – зиреҳдору; ** Л – зиреҳ дар бару теғи.
2. Л – шуд.
3. Л – шуд.
4. И – Худованди покиву фарру.
5. М – Худованди покиву зӯру.
6. М – бад-ин.
7. И – бад-ин некӯӣ.
8. ТПЗИЛМ – Силеҳу бародар, сипоҳу писар
Бузургони Эрон батоҷу камар.
Л – пас аз ин б. б. зер омада:
Ба наздики Исфандёр омаданд,
Ҳама меҳтарон бо нисор омаданд.
9. Л – кушта.

www.sattor.com

Бар ӯ[1] офарин кард яксар[2] сарон,
Саворони ҷангиву кундоварон[3].

Шунид ин сухан дар замон Гургсор,
Ки пирӯз шуд номвар шаҳрёр,

Танаш гашт ларзону рухсора зард,
Ҳаме рафт гирёну дил пур зи дард[4].

Саропарда зад шаҳрёри ҷаҳон*[5]
Ба гирдаш далерони равшанравон.

Заминро ба дебо биёростанд,
Нишастанд бар хону май хостанд.

ХОНИ ШАШУМ – ГУЗАШТАНИ ИСФАНДЁР АЗ БАРФ

В-аз он пас бифармуд то Гургсор
Биёмад бари номвар шаҳрёр.

Бидодаш дамодам се ҷоми набид,
Рухаш шуд ба сони гули шанбалид.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй бадтани бадниҳон,[6]
Нигаҳ кун бад-ин кори гардон[7] ҷаҳон.

На Симурғ пайдо, на шеру на гург,
На он тезчанг аждаҳои сутург»[8].

---

1. Л – Басе; И – Ҳаме.
2. ИЛ – хондандаш.
3. ТПЗЛ – Ки ҷовид бодо ҷаҳонпаҳлавон,
   Хирадманду бедору равшанравон.
4. Л – пас аз б. 1798 ин б. омада:
   Ғамӣ гашту он кораш омад шигифт,
   Зи пайкораш андозаҳо баргирифт.
5. М – ҷавон.
6. Л – бадгумон.
7. Л – коркарди.
8. И – б. 1804 нест.
   ТПЗЛМ – Ба манзил, ки ангезад ин бор шӯр,
   Бувад обу ҷои гиёи* сутур?
   * Л – чашмаи обу ҷой.

www.sattor.com

Ба овоз гуфт он замон Гургсор,
Ки «Эй номвар, фаррух Исфандёр.

Туро ёр буд Эзад, эй некбахт,
Ба бор омад он хусравонӣ дарахт.

Яке кор пеш аст фардо, ки мард
Наандешад аз рӯзгори набард.

На гурзу камон ёдат ояд, на теғ,
Набинӣ дари ҷангу роҳи гуреғ.

Ба болои як найза барф оядат,
Ба рух рӯзгори шигарф оядат.

Бимонӣ ту бо лашкари номдор
Ба барф - андар, эй фаррух Исфандёр.

Агар боз гардӣ набошад шигифт,
Зи гуфтори ман кин набояд[1] гирифт.

Ҳаме вижа дар хуни лашкар шавӣ,
Ту пайдорӣ*[2] аз роҳи дигар шавӣ.[3]

Маро ин дуруст аст, к-аз боди сахт
Бидаррад замину бибуррад дарахт.[4]*[5]

В-аз он пас, ки андар биёбон расӣ,
Яке манзил ояд ба фарсанг сӣ.

Ҳама рег тафт аст бо хоку шах,
Бар ӯ нагзарад мурғу мӯру малах.

Набинӣ ба ҷое яке қатра об,
Заминаш ҳаме ҷӯшад аз офтоб.

1. И – бахти худ андоза бояд.
2. М – пиндорӣ.
3. Л – Ба тундиву бадроиву бадхувӣ.
4. И – б. 1812 – 1813 нест.
5. М – Бирезанд мардум чу бор аз дарахт.

www.sattor.com

На бар хоки ӯ шер ёбад гузар,
На андар ҳаво каргаси тезпар.

На бар шахху регаш бирӯяд гиё,
Заминаш равонрег чун тӯтиё.

Биронӣ бар ин гуна фарсанг чил,
На бо мард ҷону[1] на бо асп[2] дил.

В-аз он ҷо ба Рӯиндиж ояд сипоҳ,
Бубинӣ яке моявар ҷойгоҳ.

Заминаш ба коми ниёз-андар аст,
Сари бора бо хур ба роз-андар аст.

Зи берун нахоҳад хуриш чорпой,
Зи лашкар намонад саворе ба ҷой.

Аз Эрону Турон агар сад ҳазор,
Биёянд гурдони ханҷаргузор[3],

Нишинанд сад сол гирд - андараш,
Ҳаме тирборон кунанд аз бараш,

Фузунӣ[4] ҳамон асту камтар ҳамон,
Чу ҳалқаст бар дар бади бадгумон».

Чу эрониён гуфтани Гургсор
Шуниданд, гаштанд бо дард ёр.

Бигуфтанд, к-«Эй шоҳи озодмард,
Ба гирди бало, то тавонӣ, магард.

Агар Гургсор ин суханҳо, ки гуфт
Чунин аст,[5] ин ҳам[6] намонад нуҳуфт.

1. Л – тобу.
2. Л – мард.
3. И – б. 1823 нест.
4. ИЛМ – фаровон.
5. ИЛ – Чунин асту.
6. Л – худ.

www.sattor.com

Бад-ин ҷойгаҳ маргро омадем,
На фарсудани таргро омадем.

Чунин роҳи душвор бугзоштӣ,
Балои даду дом бардоштӣ,

Кас аз номдорону шоҳони гурд
Чунин ранҷҳо барнаёрад шумурд,

Ки пеши ту омад бад-ин Ҳафтхон,
Бар ин - бар ҷаҳонофаринро бихон.

Чу пирӯзгар бозгардӣ зи роҳ,
Ба дил шоду хуррам шавӣ назди шоҳ,

Ба роҳи дигар гар шавӣ кинасоз,
Ҳама шаҳри Турон[1] барандат намоз.

Бад-ин*[2] сон, ки гӯяд ҳаме Гургсор,
Тани хешро хормоя мадор.

Ба хуни яке лашкар андармашав,
Ки чархи куҳан бозӣ орад ба нав[3].

Аз он пас, ки гаштем пирӯзу шод,
Набояд сари хеш додан ба бод».

Чу бишнид гуфтори эшон ҷавон,
Сипаҳро бигуфт он яли паҳлавон,*[4]

«Чӣ бояд маро тарс додан ҳаме,
Дари тарс бар худ кушодан ҳаме?[5]*[6]

---

1. ИЛ – Эрон.
2. М – Аз ин.
3. Л – б. 1836 нест.
4. М – Чу бишнид Исфандёр ин сухан,
   Шуд он тоза рӯяш зи гурдон куҳан.
5. И – Чунин посух овард пайкоргар,
   Ки эй паҳлавонони боному фар.

Л – б. 1841 нест.

6. М – б. 1839 нест.

www.sattor.com

Шумо, - гуфт, - аз Эрон ба панд омадед,
На аз баҳри номи баланд омадед.

Чу ин буд гуфторатон сар ба сар,
Чӣ бастед бо ман дар ин раҳ камар,

Ки аз гуфти ин турки шӯридабахт
Ба ларза фитодед ҳамчун дарахт?[1]

Куҷо он ҳама хилъату панди шоҳ,
Камарҳои заррину тахту кулоҳ?

Куҷо он ҳама аҳду савганду банд
Ба Яздону бо ахтари судманд,

Ки акнун чунин суст шуд поятон,
Ба як раҳ пароканда шуд роятон?

Шумо боз гардед пирӯзу шод,
Маро кор ҷуз размҷустан мабод[2].

Ҷаҳондори пирӯз ёри ман аст,
Сари ахтар андар канори ман аст.

Ба мардӣ наёяд касе ҳамраҳам,
Агар ҷон ситонам в-агар ҷон диҳам.

Ба душман намоям ҳунар, ҳар чи ҳаст
Зи мардиву пирӯзиву зӯри даст.

Биёбед ҳам бегумон огаҳӣ
Аз ин номвар фарри шоҳаншаҳӣ,

Ки бо диж чӣ кардам ба мардиву зӯр
Ба номи Худованди кайвону ҳур».

---

1. ИМ – б. 1841, 1842 нест.
2. Л – б. 1846 нест.
ТПЗИЛМ – Ба гуфтори ин деви носозгор
Чунин сустатон шуд дил аз корзор.
Аз ин пас нахоҳам бар ин ёр кас
Писар бо бародар маро ёр бас.*

*Л – танҳо б. дувум мавҷуд аст.

www.sattor.com

Чу эрониён баркушоданд чашм,
Бидиданд чашми[1] варо пур зи хашм,

Бирафтанд пӯзишкунон пеши шоҳ,
Ки «Гар шоҳ бинад, бубахшад гуноҳ.

Фидои ту бодо тану ҷони мо,
Чунин[2] буд, то буд паймони мо!

Зи баҳри ту, эй*[3] шоҳ, ғамхораем,
На аз кӯшишу ҷанг бечораем.

Зи мо то бувад зинда як номдор,
Напечем як тан сар аз корзор».[4]

Сипаҳбад чу бишнид аз эшон сухан,
Бупечид аз гуфтаҳои куҳан.

Ба эрониён офарин карду гуфт,
Ки «Ҳаргиз намонад ҳунар[5] дар нуҳуфт.

Гар эдун, ки гардем пирӯзгар,
Зи ранҷи гузашта биёбем бар,

Нагардад фаромуш ба дил ранҷатон,
Намонад тиҳӣ бегумон ганҷатон».

Ҳаме роҳ зад, то ҷаҳон шуд хунук,[6]
Вазид аз сари кӯҳ боде тунук.

Баромад зи даргоҳ шайпуру ной,
Сипаҳ баргирифтанд яксар зи ҷой.

Ба кирдори оташ ҳаме ронданд,
Ҷаҳонофаринро ҳаме хонданд.

1. ИЛ – чеҳри.
2. ИЛМ – бар ин.
3. М – тани.
4. ТПЗ – Сари мо ба пеши ту афканда бод,
Ҷаҳон амру рои туро банда бод.
5. ИЛ – сухан.
6. И –б. 1864 нест.

www.sattor.com

Зи хуршеди тобон ниҳон кард рӯй,
Ҳаме рафт хур дар паси пушти ӯй,

Ба манзил расид он сипоҳи гарон
Ҳама гурздорону ҷавшанварон[1]*[2]

Баҳорӣ яке хушманиш рӯз буд,
Дилафрӯзу ҳам гетиафрӯз буд.

Саропардаву хайма фармуд кай,
Биёрост хону биёвард май.

Ҳам андар замон тундбоде зи кӯҳ
Баромад, ки шуд номвар з-он сутӯҳ.

Ҷаҳон яксара гашт чун парри зоғ,
Надонист кас боз ҳомун зи роғ.

Биборид аз он абри торик барф,
Замин шуд пур аз барфу боди шигарф.

Се рӯзу се шаб ҳам бад-он сон ба дашт
Дами бод аз андоза андаргузашт.

Саропардаву хаймаҳо гашт тар,
Зи сармо касеро набуд*[3] پову пар[4].

Ҳаво пуд шуд, барф чун тор гашт.
Сипаҳдор аз он чора бечор гашт.

Ба овоз пеши Башутан бигуфт,
Ки «Ин кори мо гашт бо дард ҷуфт.

Ба мардӣ шудам дар дами аждаҳо,
Кунун зӯру мардӣ надорад баҳо.

1. ИЛ – найзаварон.
2. М – жупинварон.
3. М – Якеро на.
4. Л –б. 1872 нест.

www.sattor.com

Ҳама пеши Яздон ниёиш кунед,
Бихонеду ӯро ситоиш кунед,

Магар, к-ин балоҳо зи мо бугзарад,
К-аз ин пас касемон ба кас бишмарад».*[1]

Башутан биёмад ба пеши Худой,
Ки ӯ буд бар некӯӣ[2] раҳнамой.

Сипаҳ яксара[3] даст бардоштанд,
Ниёиш зи андоза бугзоштанд.

Ҳамон гаҳ биёмад яке боди х(в)аш,
Бибурд абру рӯи ҳаво гашт каш.

Чу эрониёнро дил омад ба ҷой,
Бибуданд дар пеши Яздон ба пой.

Ҳамон ҷо бибуданд гурдон се рӯз,
Чаҳорум чу бифрӯхт гетифурӯз,

Сипаҳбад гаронмоягонро бихонд,
Басе достонҳои некӯ биронд.

Чунин гуфт, к-«Ин ҷо*[4] бимонед бор,
Мадоред ҷуз олати корзор.

Ҳар он кас, ки ӯ ҳаст сарҳангфаш,
Ки бошад варо моя сад боркаш,

Ба панҷоҳ обу хуриш барниҳад,
Дигар олати парвариш барниҳад.

Фузунӣ ҳам эдар бимонед бор,
Кушодаст бар мо дари кирдгор[5].

---

1. М – Кас аз мо замин наспарад.
2. Л – неку бад.
3. Л – ҳам андар замон.
4. М – к-эдар.
5. И –б. 1888 нест.

www.sattor.com

Чу навмед гардад зи Яздон касе,
Аз ӯ некбахтӣ наёяд басе.

Ба нерӯи Яздон биёбем даст
Бад-он бадкуниш мардуми бутпараст.

Аз он диж якояк тавонгар шавед,
Ҳама пок бо ганҷу афсар шавед».

Чу хур чодари зард дар сар кашид,
Бишуд Бохтар чун гули шанбалид.

Буна барниҳоданд гурдон ҳама,
Бирафтанд бо шаҳрёри рама.

Чу бугзашт аз тира шаб як замон
Хурӯши куланг омад аз осмон.

Барошуфт аз овозаш Исфандёр,
Паёме фиристод зӣ Гургсор,

Ки «Гуфтӣ бад-ин манзилат об нест,
Ҳам ин ҷои оромишу хоб нест,

Кунун з-осмон хост бонги куланг,
Дили мо чаро кардӣ аз об танг?»

Чунин дод посух, ки «Эдар сутур
Наёбад магар чашмаи оби шӯр.

Дигар чашмаи об ёбӣ чу заҳр,
Аз он об мурғу дадонрост баҳр».[1]

Сипаҳбад чунин гуфт, к-«Аз Гургсор
Яке роҳбар сохтам кинадор.»

Зи гуфтори ӯ тез лашкар биронд,
Ҷаҳондори[2] некидиҳишро бихонд.

1. И – б. 1898, 1899 нест.
2. Л – худованди.

www.sattor.com

ХОНИ ҲАФТУМ – ГУЗАШТАНИ ИСФАНДЁР АЗ РӮД ВА КУШТАН ГУРГСОРРО

Чу як пос аз тирашаб даргузашт,[1]
Хурӯши ҷалаб омад аз пеши дашт[2].

Бихандид бар борагӣ шоҳи нав,
Зи қалби сипаҳ рафт то пешрав.

Сипаҳдор чун пеш лашкар кашид,
Яке жарфдарёи бебун бидид.

Ҳаюне ки буд андар он корвон,
Куҷо пешрав доштӣ сорвон,

Ҳаме пешрав ғарқа гашт андар об,
Сипаҳбад бад-ӯ чанг зад дар шитоб,

Гирифташ дар он, баркашидан зи гил
Битарсид бадхоҳ турки Чигил.

Бифармуд то Гургсори нажанд
Шавад доғдил пеш бо пойбанд.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй Римани хоксор,
Чӣ кажжӣ ба кор оваридӣ чу мор[3]?

Нагуфтӣ, ки эдар наёбӣ ту об,
Бисӯзад туро тобиши офтоб?

Чаро кардӣ, эй бадтан аз об хок,
Сипаҳро ҳама карда будӣ ҳалок?»

Чунин дод посух, ки «Марги сипоҳ
Маро рӯшноист чун ҳуру моҳ.

---

1. ЛМ – бугзашт аз тирашаб; И – з-он тирашаб.
2. ИЛМ – Ба* пеш андаромад хурӯши ҷалаб.
   * И – зи.
3. ИЛМ – Гирифтор бар* дасти Исфандёр.
   * И – дар.

www.sattor.com

Набинам[1] ҳаме аз ту ҷуз пойбанд
Чӣ хоҳам туро ҷуз балову газанд?»

Сипаҳбад бихандиду букшод чашм,
Фурӯ монд аз он турку нанмуд хашм.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй камхирад Гургсор,
Чу пирӯз гардам ман аз корзор,

Ба рӯиндижат-бар сипаҳбад кунам,
Мабодо, ки ҳаргиз ба ту бад кунам.

Ҳама подшоҳӣ саросар турост,
Чу бо ман кунӣ дар сухан рой рост.

Наёзорам онро, ки фарзанди туст,
На онро, ки ӯ низ*[2] пайванди туст».

Чу бишнид гуфтори ӯ Гургсор,
Пуруммед шуд ҷонаш аз шаҳрёр.

Зи гуфтори ӯ монд андар шигифт,
Заминро бибӯсиду пӯзиш гирифт[3].

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Он чи гуфтӣ, гузашт,
Зи гуфтори хомат нагашт об дашт.

Гузаргоҳи ин оби дарё куҷост?
Бибояд намудан ба мо роҳи рост».

Бад-ӯ гуфт: «Бо оҳан аз обгир
Наёбад гузар парру пайкони тир[4].

---

1. ЛМ – Чӣ бинам.
2. М – аз буму.
3. И –б. 1920 нест.
4. Л – Намоӣ ба мо роҳи дарё кунун,
Сазад, гар ба некӣ шавад раҳнамун.
Чунин дод посух варо Гургсор,
Ки эй номвар фаррух Исфандёр.

www.sattor.com

Чу пои ман аз банд берун кунӣ,
Бар ин оби дарё ту афсун кунӣ»[1].

Таҳамтан[2] фурӯ монд андар шигифт,
Бифармуд, то[3] банд аз ӯ баргирифт.

Ба дарёи Об-андарун Гургсор
Биёмад ҳаюне гирифта миҳор.

Ба ҷое ки поёбро буд гузар,
Равон гашту лашкар паси якдигар[4].

Сипаҳбад бифармуд то машки об
Пур аз бод карданд ҳам дар шитоб.

Бубастанд дар паҳлуи[5] борагӣ,
Сипаҳ андаромад ба якборагӣ.

Биёмад[6] ба хушкӣ сипоҳу буна,
Бишуд майсара рост бо маймана.

Ба наздики Рӯиндиж омад фароз[7],
Чунон шуд, ки[8] фарсанг даҳ[9] монд боз[10].

Сари ҷангҷӯён ба хӯрдан нишаст,
Парастанда шуд ҷоми бода ба даст[11].

Бифармуд, то ҷавшану хӯду кабр
Бибурданд[12] бо теғ пеши ҳизабр.

---

1. ИМ –б. 1924 нест.
2. Л – Сипаҳбуд.
3. ИЛМ – ҳам андар замон.
4. И – 1927 нест.
5. ИЛМ – Ба дарё сабукбор шуд.
6. ИЛ – Чу омад.
7. ИМ – сипоҳ.
8. И – зи.
9. Л – як.
10. ИМ - роҳ.
11. И – б. 1932 нест.
12. ИЛ – Биёяд ба.

www.sattor.com

Кушода бифармуд, то Гургсор
Бибурданд*[1] пеши ял Исфандёр.

Чунин гуфт, к-«Акнун ки растӣ*[2] зи бад,
Зи ту хубиву рост гуфтан сазад.

Чу аз тан бибуррам сар Арҷоспро,
Дурахшон*[3] кунам ҷони Лӯҳроспро.

Чу Кӯҳрам, ки аз хуни Фаршедвард
Дили лашкарам[4] кард пурхуну дард.

Ҳамон Андаримон, ки пирӯз гашт,
Бикушт аз бузургони[5] мо сиву ҳашт,

Сароншон бибуррам ба кини ниё,
Падид орам аз ҳар даре кимиё.

Ҳама гӯрашон*[6] коми шерон кунам,
Ба коми далерони Эрон кунам.

Саросар ҷигар-шон бидӯзам ба тир,
Биёрам зану кӯдакон-шон асир.

Туро шод хонам аз ин, гар дижам,
Бигӯй, он чӣ дорӣ ба дил[7] бешу[8] кам».

Дили Гургсор андар он танг шуд,
Забону равонаш пур аз ҷанг шуд.

Бад-ӯ гуфт: «То чанд гӯӣ чунин,
Ки бар ту мабодо ба дод офарин!

1. М – Биёмад ба.
2. М – акнун бирастам.
3. М – Дурафшон.
4. ИЛ – лашкаре.
5. И – далерони.
6. М – кишвараш.
7. Л – Бигӯ, он чӣ донӣ ҳама.
8. И – донӣ зи бешу зи.

www.sattor.com

Ҳама ахтари бад ба ҷони ту бод,
Бурида ба ханҷар миёни ту бод!

Ба хок-андар афканда пурхун танат,
Замин бистару гӯр[1] пероҳанат!»

Зи гуфтори ӯ тез шуд шаҳрёр,
Барошуфт бар хирасар Гургсор.

Яке теғи ҳиндӣ бизад бар сараш,
Зи торак ба ду нима шуд то бараш.

Ба дарё фикандандаш[2] андар замон,
Хури моҳиён шуд тани бадгумон.

В-аз он ҷойгаҳ борагӣ*[3] барнишаст,
Ба тундӣ миёни ялиро бубаст.

Ба боло баромад, ба диж бингарид,
Яке моядор оҳанин бора дид.

Се фарсанг болову паҳно чиҳил,
Ба ҷое надид андар ӯ обу гил.[3]

Ба паҳнои девори ӯ - бар савор
Бирафтӣ ба тундӣ баробар чаҳор.

Чу Исфандёр он шигифтӣ бидид,
Яке боди сард аз ҷигар баркашид.[4]

Чунин гуфт, к- «Инро нашояд ситад,
Бад омад ба рӯи ман аз кори бад.

1. Л – хок.
2. ИЛ – фикандаш ҳам.
3. Л – бораро.
4. И – Фурӯ монд аз кин, дилаш бардамид.

www.sattor.com

Дареғ он ҳама ранҷу пайкори ман*[1]
Пушаймонӣ омад ҳама бори[2] ман.[3]*[4]

Ба гирди биёбон ҳаме бингарид,
Ду турк андар он дашт пӯянда дид.

Ҳаме буд ҳамроҳашон[5] чор саг,
Сагоне ки нахчир гирад[6] ба таг.

Зи боло фуруд омад Исфандёр
Ба чанг-андарун найзаи корзор.

Ба найза зи аспон ҷудо кардашон,
Зи ҳомун[7] ба боло баровардашон.

Бипурсиду гуфт: «Ин дижи номдор
Чӣ ҷой асту чанд аст дар вай савор?»

Зи Арҷосп чанде сухан ронданд,
Ҳама дафтари диж бар ӯ хонданд,

Ки болову паҳнои дижро бубин,
Даре сӯи Эрон, даре сӯи Чин.

Бад-ӯ - андарун теғзан сад ҳазор
Саворони гарданкашу номдор.

Ҳама пеши Арҷосп чун бандаанд,
Ба фармону рояш сарафкандаанд.

Хуриш ҳаст чандон, ки андоза нест,
Ба хуша-дарун ҳаст, агар тоза нест.[8]

---

1. М – мо.
2. Л – кори.
3. И –б. 1956 нест.
4. М – мо.
5. ИЛ – Ҳаме рафт пеш - андарун.
6. Л – гиранд оху.
7. И – пиёда.
8. И –б. 1966 нест.

www.sattor.com

Агар дар бубандад ба даҳ сол шоҳ,
Хуриш ҳаст чандон, ки дорад сипоҳ.

В-агар хоҳад аз Чину Мочин савор,
Биёяд бараш номвар сад ҳазор.

Ниёзаш наёяд ба чизе зи кас,
Хуриш ҳасту мардони фарёдрас.

Бигуфтанду он теғи ҳиндӣ ба мушт
Ду гарданкаши содадилро бикушт.

РАФТАНИ ИСФАНДЁР БА РӮИНДИЖ БО ҶОМАИ БОЗОРГОН

В-аз он ҷо биёмад ба пардасарой,
Зи бегона пардахт карданд ҷой.

Башутан бишуд назди Исфандёр,
Сухан рафт[1] ҳар гуна аз корзор.

Чунин[2] гуфт ҷангӣ, ки «Ин диж ба ҷанг
Ба соли фаровон наёяд ба чанг.

Магар хор гирам тани хешро,
Яке чора созам бадандешро.

Ту эдар шабу рӯз бедор бош,
Сипаҳро зи душман нигаҳдор бош.

Тан он гаҳ бувад бегумон арҷманд,
Сазовори шоҳиву тахти баланд,

К-аз анбӯҳи душман натарсад ба ҷанг,
Ба кӯҳ аз палангу ба об аз наҳанг.

Ба ҷое фиребу ба ҷое ниҳеб,
Гаҳе бар фарозу гаҳе дар нишеб.

1. И – гуфт.
2. И – Бад-ӯ.

www.sattor.com

Чу бозоргонон дар ин диж шавам,
Надонад кас аз диж, ки ман паҳлавам.[1]

Фароз оварам чора аз ҳар даре,
Бихонам зи ҳар донише дафтаре.

Ту бе дидбону талоя мабош,
Зи ҳар донише сустмоя мабош.

Агар дидбон дуд бинад ба рӯз,
Шаб оташ чу хуршеди гетифурӯз,

Чунон дон, ки он коркарди ман аст,
На аз чораи ҳамнабарди ман аст.

Сипаҳро биёрою з-эдар бирон,
Зиреҳдор бо хӯду гурзи гарон.

Дурафши маро зуд бар пой кун,
Ту худро ба қалб-андарун ҷой кун.

Бирон тез бо гурзаи говсор,
Чунон кун, ки хонандат Исфандёр».

В-аз он ҷойгаҳ сорвонро бихонд,
Ба пеши Башутан ба зону нишонд.

Бад-ӯ гуфт: «Сад боркаш сурхмӯй
Биёвар сазовор бо рангу бӯй».

Аз ӯ даҳ шутур бор динор кард,
Дигар панҷ дебои Чин бор кард.

Дигар панҷ ҳар гунае гавҳарон,
Яке тахти заррину тоҷи гарон.

Биёвард сандуқ ҳаштод ҷуфт
Ҳама банди сандуқҳо дар нуҳуфт.

1. Л – Нагӯям, ки шоҳи ҷаҳон паҳлавам.

www.sattor.com

Саду шаст мард[1] аз ялон баргузид,
К-аз эшон ниҳонаш наёяд падид.

Ялонро ба сандуқҳо дарнишонд,
Буна барниҳоду аз он ҷо биронд.[2]

Тане бист аз номдорони ӯй,
Сарафрозу ханҷаргузорони ӯй,

Бифармуд, то бар сари корвон
Буванд ин гаронмоягон сорвон.

Ба пой-андарун кафшу бар тан гилем
Ба бор-андарун гавҳару зарру сим.

Сипаҳбад ба диж рӯй бинҳоду тафт
Ба кирдори бозоргонон бирафт.*[3]

Ҳаме рафт бо[4] номвар корвон
Ялони сарафроз чун сорвон.[5]

Чу бонги дарой омад аз корвон,
Ҳаме рафт пеш - андарун сорвон.*[6]

Ба диж номдорон хабар ёфтанд,
Фаровон бигуфтанду биштофтанд,

Ки омад яке марди бозоргон,
Дирамгон фурӯшад ба диноргон.

Бузургон-ш дар пеш боз омаданд,
Харидору гарданфароз омаданд.

1. И – гурд.
2. ИЛ –б. 1993 нест.
3. М – б. 1997 нест.
4. ИЛМ – Ҳамеронд он.
5. ТПЗИЛ – Чу наздики диж шуд, бирафт ӯ зи пеш,
Бидид он дилу рои ҳушёри* хеш.
* Падид оварид он дилу рои.
6. М – Ба пеш - андарун марди бозоргон.

www.sattor.com

Бипурсид ҳар як зи солори бор
К-«Аз ин борҳо чист, к-ояд ба кор?»

Чунин дод посух, ки бори нахуст
Тани шоҳ бояд, ки бинам дуруст.

Тавоноии хеш пайдо кунам,
Чу фармон диҳад, дида бино кунам.

Шутурбор бинҳоду худ рафт пеш,
Ки то чун кунад тез бозори хеш.

Яке тоси[1] пургавҳари шоҳвор
Зи динор чанде зи баҳри нисор,

Зи лаълу зи фирӯза чанде нигин,
Яке аспу даҳ тахта дебои Чин.*[2]

Бар он тос пӯшид тои ҳарир,
Ҳарир аз бару зер мушку абир.

Ба дебо биёрост бо рангу бӯй
Ба наздики Арҷосп шуд роҳҷӯй.[3]

Чу дидаш, фурӯ рехт динору гуфт,
Ки «Бо шаҳрёрон хирад бод ҷуфт.

Яке мардам, эй шоҳ, бозоргон,
Падар турку модар зи озодагон.

Зи Турон бихаррам, ба Эрон барам,
Дигар сӯи дашти далерон барам.

Яке корвони шутур бо ман аст,
Зи пӯшиданӣ ҷомаву барнишаст.[4]

---

1. ИЛ – Ҷоми.
2. М – Яке аспу ду ҷома дебои чин,
Ки бартофташ соиду остин.
3. ТПЗ – Чу омад ба наздикии тахт боз,
Заминро бибӯсиду бурдаш намоз.
4. Л – ҷомаҳои тан аст.

www.sattor.com

Ҳам аз гавҳару афсару рангу бӯй
Фурӯшандаам, ҳам харидорҷӯй.

Ба беруни диж рахт[1] бугзоштам,
Ҷаҳон дар паноҳи ту пиндоштам.

Агар рой бинӣ*[2] ту, ин корвон
Ба дарвозаи диж кашад сорвон.[3]

Ба бахти ту аз ҳар бад эмин шавам,
Бад-ин сояи меҳри ту биғнавам».

Чунин дод посух, ки «Дил шод дор,
Зи ҳар бад тани хеш озод дор.

Наёзорадат кас ба Туронзамин,
Ҳамон гар гирой ба Мочину Чин».

Бифармуд пас то сарои фарох,
Ба диж - дар яке кулба дар пеши кох –

Ба Рӯиндиж-андар мар ӯро диҳанд,
Ҳама бораш аз дашт бар сар ниҳанд.

Бисозад бар он кулба бозоргоҳ,
Бидорад мар ӯро ҳам*[4] андар паноҳ.

Бирафтанд,*[5] сандуқҳоро ба пушт
Кашиданду моҳори уштур ба мушт.

Яке марди бихрад бипурсиду гуфт,
Ки «Сандукро чист андар нуҳуфт?»

Кашанда бад-ӯ гуфт: Мо хуши хеш
Ниҳодем ночор бар дӯши хеш.

1. Л – бор.
2. М – шоҳ бинад.
3. И –б. 2016, 2017 нест.
4. М – Ҳаме дорадаш эмин.
5. М – гирифтанд.

www.sattor.com

Яке кулбае сохт[1] Исфандёр,
Биёрост ҳамчун гул андар баҳор.

Зи ҳар сӯ фаровон харидор хост,
Бад-он кулба - бар тез бозор хост.

Бибуд он шабу бомдодон пагоҳ,
Ба айвон - дарун шуд ба наздики шоҳ.[2]

Биёмад, бибӯсид рӯи замин
Ба Арҷосп бархонд чанд[3] офарин.

Чунин гуфт, к-«Ин бору ин корвон
Ҳаме рондам тез бо сорвон,

Бад-ӯ - андарун ёраву афсар аст,
Ки шоҳи сарафрозро дарх(в)ар аст.

Бигӯяд ба ганҷур то хоста
Бубинад ҳама кулба ороста.

Агар ҳеч шоиста бинад ба ганҷ,
Биёрад, ҳамон он надорам[4] ба ранҷ.

Пазируфтан аз шаҳрёри замин,
Зи бозоргон пӯзишу офарин».

Бихандид Арҷоспу бинвохташ,
Гаронмоятар ҷойгаҳ сохташ.

«Чӣ номӣ?» - бад-ӯ гуфт, «Харрод ном,
Ҷаҳонгарду бозориву шодком».

1. ИЛ – кулба барсохт.
2. ТПЗИЛ – Зи динору мушку зи пӯшиш* се тахт
Ҳаме бурд пеш - андарун некбахт.
* Л – дебои румиёву чинӣ.
3. Л – чанде бихонд.
4. Л – гаҳ надорад, И – ҳамоно надорад.

www.sattor.com

Ба Харрод гуфт: «Эй сарозод[1]*[2] мард,
Ба ранҷӣ, дигар гирди пӯзиш магард.

Зи дарбон набояд туро бозхост,
Ба назди ман ой, он гаҳе к-ат ҳавост».

Аз он пас бипурсидаш аз ранҷи роҳ,
Аз Эрону аз шоҳу*[3] кори сипоҳ.

Чунин дод посух, ки «Ман моҳе панҷ
Кашидам ба роҳ-андарун дарду ранҷ».

Бад-ӯ гуфт, к-«Аз кори Исфандёр
Ба Эрон хабар чист в-аз Гургсор»?

Чунин дод посух, ки «Эй некхӯй,
Сухан ронд з-ӯ ҳар касе б-орзӯй.

Яке гуфт, Исфандёр аз падар
Пурозор гашту бупечид сар.

Дигар гуфт, к-ӯ к-аз раҳи Ҳафтхон[4]
Сӯи разми Арҷосп омад равон,[5]

Ки разм озмояд ба Туронзамин,
Бихоҳад ба мардӣ зи Арҷосп кин».

Бихандид Арҷоспу гуфт: «Ин сухан
Нагӯяд ҷаҳондида марди[6] куҳан.

Агар каргас[7] ояд сӯи Ҳафтхон
Маро[8] аҳриман хону[9] мардум махон».

1. Л – сарафроз.
2. М – дилорой.
3. М – Турону.
4. Л – к-аз дарди он куштагон.
5. ЛМ –Сипаҳ карду шуд бар раҳи ҳафтхон.
6. И – пири.
7. Л – ҳар он кас, ки.
8. Л – Варо.
9. Л – хон ту.

www.sattor.com

Чу бишнид чангӣ, замин бӯса дод,
Биёмад зи айвони Арҷосп шод.

Дари кулбаи номвар боз кард,
Зи доду ситад диж*[1] пуровоз кард.

Ҳаме буд чанде хариду фурӯхт,
Ҳаме чашм ҳар кас бар ӯ мебидӯхт.[2]

Зи диноргон як дирам настадӣ,
Ҳаме ин бар он, он бар ин - бар задӣ.

ШИНОХТАНИ ХОҲАРОН ИСФАНДЁРРО

Чу хуршеди тобон зи гунбад бигашт,
Харидори бозори вай даргузашт,[3]

Ду хоҳар-ш рафтанд аз айвон ба кӯй,
Ғиревону бар кифтҳо - бар сабӯй.

Ба[4] наздики Исфандёр омаданд,
Даридадилу[5] хоксор[6] омаданд.

Чу Исфандёр[7] он шигифтӣ бидид,
Ду рух кард аз хоҳарон нопадид.[8]

Шуд аз кори эшон дилаш пур зи бим,
Бипӯшид рух б-остини гилем.

Бирафтанд ҳарду ба наздики ӯй,
Зи дида ниҳода ба рух-бар[9]*[10] ду ҷӯй.

---

1. М – Зи бозор дижро.
2. ИЛ – Ҳаме ҳар касе чашм ӯ* бидӯхт.
   * И – ӯро.
3. И –б. 2052, 2053 нест.
4. Л – Чу.
5. Л – Ду дида тару.
6. И – Пур аз хун дилу сӯгвор.
7. Л – он номвар.
8. Л – пинҳоду сар даркашид.
9. ИЛ – хун бар ду рух барниҳода.
10. М – Зи хун бар ду рух – бар ниҳода.

www.sattor.com

Ба хоҳиш гирифтанд бечорагон
Аз он моявар марди бозоргон,[1]

Ки «Рӯзу шабон бар ту фархунда бод,
Ҳама меҳтарон пеши ту банда бод.*[2]

Аз Эрон зи Гуштоспу Исфандёр
Чӣ огоҳият, эй[3] гави номдор?

Бад-ин сон ду духти яке подшо
Асирем*[4] дар дасти нопорсо.

Бараҳна сару пову дӯшобкаш,[5]
Падар шодмон рӯзу шаб хуфта х(в)аш.

Бараҳна давон бар сари анҷуман,
Хунук он ки пӯшад танашро кафан.

Бигирйем чунин ба хунин сиришк,
Ту бошӣ бад-ин дард моро пизишк.

Гар огоҳӣ аз шоҳ в-аз*[6] шаҳри мо
Бар ин бум тарёк шуд заҳри мо.

Яке бонг барзад ба зери гилем,
Ки ларзон шуданд он ду духтар зи бим,

Ки «Исфандёр аз буна худ мабод,
На он кас ба гетӣ, к-аз ӯ ҳаст шод.

На Гуштосп он шоҳи бедодгар,
Ки чун ӯ мабинод тоҷу[7] камар!

---

1. И – пас аз б. 2059 ин б. омада:
   Ба пурсиш гирифтанд, к-эй сорвон,
   Ҳамоно, к-аз Эронст ин корвон.
2. М – Фалак пеши фармони ту банда бод.
3. И – огоҳӣ астат; ЛМ – огоҳияст.
4. М – Гирифтор.
5. Л – по давон обкаш.
6. М – Гарат огаҳӣ ҳаст.
7. ИЛ – Мабинод чун ӯ кулоҳу.

www.sattor.com

Набинед, к-эдар фурӯшандаам,
Зи баҳри хури хеш кӯшандаам».

Чу овоз бишнид фаррух Ҳумой,
Бидонисту омад дилаш боз ҷой.

Чу хоҳар бидонист овози ӯй,
Бипӯшид бар хештан рози ӯй.

Чунон хастадил[1] пеши ӯ - дар[2] бимонд
Сиришк аз ду дида ба рух барфишонд.

Ҳама рӯй пурхоку пояш ба хок,
Зи Арҷосп ҷонаш пур аз тарсу бок.[3]

Бидонист ҷанговари покрой,
Ки ӯро ҳаме боздонад Ҳумой.

Сабук рӯй букшоду дида пуроб,
Пур аз хун дилу чеҳра чун офтоб.

Зи кори ҷаҳон монд андар шигифт,
Дижам гашту лабро ба дандон гирифт.

Бад-эшон чунин гуфт, к-«Ин рӯз чанд
Бубандед[4] ҳарду лабонро[5] ба банд,

Ки эдар ман аз баҳри ҷанг омадам,
Ба ранҷ аз паи ному нанг омадам.

Касеро ки духтар бувад обкаш,
Кай ояд варо дар ҷаҳон хоби х(в)аш.

Падар осмон боду модар замин,
Нахонам бар он рӯзгор офарин».

1. И – доғдил.
2. И – ӯ-бар.
3. И – б. 2074 нест.
4. ЛМ – Бидоред.
5. Л –забонро.

www.sattor.com

Пас аз кулба бархост марди ҷавон,
Ба наздики Арҷосп омад давон.

Чунин гуфт, к-«Эй шоҳ, фархунда бош,
Ҷаҳондору то ҷовидон зинда бош!

Яке жарфдарё дар он роҳ буд,
Ки бозоргон з-он на огоҳ буд.

Зи дарё даромад яке гирдбод,[1]
Ки маллоҳ гуфт, он надорам ба ёд.

Ба киштӣ ҳама зору гирён шудем,
Зи ҷону тани[2] хеш*[3] бирён шудем.

Пазируфтам аз додгар як Худой,
Ки гар ман расам зинда з-эдар ба ҷой,[4]

Яке базм созам ба ҳар кишваре
Ки бошад бар он кишвар-андар саре,

Ҳама шод хонам ба меҳмони хеш,
Ҳазина кунам наздашон ҷони хеш.[5]

Ба хоҳанда бахшам каму бешро,
Гиромӣ кунам марди дарвешро.

Кунун шоҳ моро гиромӣ кунад,
Бад-ин хоҳиш имрӯз номӣ кунад.

Зи лашкар сарафроз чандон,[6] кианд
Ба наздики шоҳи ҷаҳон арҷманд,

Чунин сохтам ман,[7] ки меҳмон кунам
В-аз ин хоҳиш оромиши ҷон кунам».

1. И – тундбод, И – Баромад зи дарё яке сахт бод.
2. И – дарди дили.
3. М – Чу бар оташи тез.
4. И –б. 2087 нест.
5. ИЛ – б. 2089 нест.
6. Л – гурдон.
7. ИЛ – сохтастам.

www.sattor.com

Чу Арҷосп бишнид, з-ӯ шод гашт,[1]
Сари марди нодон[2] пур аз бод гашт.[3]

Бифармуд, к-«Он, к-ӯ гиромитар аст,
Аз ин лашкар имрӯз номитар аст,

Ба айвони Харрод меҳмон шавед
В-агар май диҳад,[4] пок мастон шавед».

Бад-ӯ гуфт: «Шоҳо, гаво, бихрадо,
Ҷаҳондору бар мӯбадон мӯбадо,

Маро хона танг асту кохи баланд,
Бар ин бораи диж шавем арҷманд,

Дари меҳрмоҳ омад, оташ кунам,
Дили номдорон ба май х(в)аш кунам».

Бад-ӯ гуфт: «Аз он роҳ рав*[5], к-ат ҳавост,
Ба кох-андарун мизбон подшост».

Биёмад давон паҳлавон шодком,
Баровард ҳезум фаровон ба бом.

Бикуштанд аспону чанде бара,
Кашиданд бар боми диж яксара.

Зи ҳезум, ки бар бораи диж кашид,
Шуд аз дуд рӯи ҳаво нопадид.

Май оварду чун андаке[6] х(в)арда шуд,
Гусорандаи май варо барда шуд.

Ҳама номдорон бирафтанд маст,
Зи мастӣ ҳама[7] шохи наргис ба даст.

1. Л – шуд.
2. Л – доно.
3. Л – шуд.
4. ИЛ – бувад.
5. М – Он ҷо нишин.
6. ИМ – ҳар чи буд.
7. Яке.

www.sattor.com

ҲАМЛА КАРДАНИ БАШУТАН БА РӮИНДИЖ

Шаб омад, яке оташе барфурӯхт,
Ки таффаш ҳаме осмонро бисӯхт.

Чу аз дидагаҳ дидбон бингарид,
Ба шаб оташу рӯз пурдуд дид,*[1]

Зи[2] ҷое ки буд, шодмон бозгашт,
Ту гуфтӣ, ки бо бод анбоз гашт.

Чу аз роҳ назди Башутан расид,
Бигуфт, он чӣ аз оташу дуд дид.

Башутан чунин[3] гуфт, к-«Аз пилу шер
Ба мардӣ[4] фузун аст гурди далер.[6]

Бизад нои сарғину*[5] рӯинахум,
Баромад зи дар нолаи говдум.

Зи ҳомун баромад сӯи диж сипоҳ,
Шуд аз гард хуршеди тобон сиёҳ.

Ҳама зери хафтону хӯд-андарун
Ҳаме аз ҷигаршон биҷӯшид хун.

Ба диж чун хабар шуд, ки омад сипоҳ,
Ҷаҳон нест пайдо зи гарди[6] сиёҳ,

Ҳама диж пур аз номи Исфандёр,
Дарахти бало ҳанзал овард бор.

Бипӯшид Арҷосп хафтони ҷанг,
Бимолид бар ҷанг бисёр чанг.

---

1. М – Ҳаво пур зи дуду зи оташ бидид.
2. ИЛ – Ба.
3. Илм – тунбал.
4. ТПЗИЛ – Ки чашми бадон аз танаш дур бод,
   Ҳама рӯзгорон аз* ӯ** сур бод.
   * Л – рӯзгорони ӯ; ** И – варо.
5. М – рӯину.
6. И – гашт аз гарди лашкар.

www.sattor.com

Бифармуд то Кӯҳрами шергир
Барад лашкару гурзу шамшеру тир.

Ба Тархон чунин гуфт, к-«Эй сарфароз,
Бирав тез бо лашкари размсоз.

Бубар номдорони диж даҳ[1] ҳазор
Ҳама размҷӯёну[2] ханҷаргузор.

Нигаҳ кун, ки ин ҷангҷӯён кианд,
Дар[3] ин тохтан сохта[4] бар чианд».

Сарафроз Тархон биёмад давон
Бад-ин рӯи диж бо яке тарҷумон.

Сипаҳ дид бо ҷавшану сози ҷанг,
Дурафши сияҳ, пайкари ӯ паланг.[5]

Сипаҳкаш Башутан ба қалб-андарун
Сипоҳаш[6] ҳама даст шуста ба хун.

Ба чанг-андарун гурзи Исфандёр,
Ба зер-андарун бораи номдор.

Ҷуз Исфандёри таҳамро намонд,
Кас ӯро ҷуз аз[7] шоҳи Эрон нахонд.

Сипаҳ маймана, майсара баркашид,
Чунон шуд, ки кас рӯзи равшан надид.

Зи захми синонҳои алмосгун
Ту гуфтӣ ҳаме борад аз абр хун.

Ба ҷанг андаромад сипоҳ аз ду рӯй
Ҳар он кас, ки буд гурду пархошҷӯй.[8]

1. И – сад.
2. Л – размҷӯёни, И – номҷӯёни.
3. Л – Аз, И – В-аз.
4. Л – тохтан.
5. И –б. 2121, 2122 нест.
6. Л – сипоҳе.
7. ИЛ – ба ҷуз.
8. И –б. 2128 нест.

www.sattor.com

Бишуд тез[1]*[2] Нӯшозари теғзан,
Ҳаме хост пархош аз он анҷуман,

Биёмад сарафроз Тархон бараш,
Ки аз тан ба хок андарорад сараш,

Чу Нӯшозар ӯро ба ҳомун бидид,
Бизад дасту теғ аз миён баркашид.

Камаргоҳи Тархон ба ду ним кард,
Дили[3] Кӯҳрам аз дард пурбим кард.

Чунон ҳам ба қалби сипаҳ ҳамла бурд,
Бузургаш яке буд бо марди хурд.

Бар он сон ду лашкар ба ҳам баршикаст,
Ки гарди сипаҳ бар ҳаво абр баст.

Сарафроз Кӯҳрам сӯи диж бирафт,
Гурезон зи лашкар ҳаме рафт тафт.

Чунин гуфт Кӯҳрам ба пеши падар,
Ки «Эй номвар шоҳи хуршедфар,

Аз Эрон биёмад сипоҳи бузург,[4]
Ба пеш-андарун номдори сутург.[5]

Ба болой Исфандёр аст бас,
Бад-ин диж наёмад чун ӯ низ[6] кас.

Ҳамон найза дар чанг[7] дорад ба ҷанг[8]
Ки дар Гунбадондиж ту дидӣ ба чанг».[9]

1. И – Бурун рафт.
2. М – пеш.
3. И – Дигар.
4. И – сипоҳе ба ҷанг.
5. И – Сипаҳбад яке пешрав чун паланг.
6. И – ҷуз ӯ хеҷ.
7. ИЛ – найзан ҷанг.
8. ИЛ – чанг.
9. ИЛ – ҷанг.

www.sattor.com

Ғамӣ шуд дил Арҷоспро з-он сухан,
Ки нав шуд дигарбора кини куҳан.

Ба туркон*[1] ҳаме гуфт: «Берун шавед,
Зи диж яксара сӯи ҳомун шавед.

Ҳама лашкар андар миён оваред,
Хурӯши ҳизабри жаён оваред.

Яке зинда з-эшон намонед низ,*[2]
Касе номи Эрон махонед низ».*[3]

Ҳама лашкари диж[4] ба роҳ омаданд,
Ҷигархаставу кинахоҳ омаданд.

КУШТАНИ ИСФАНДЁР АРҶОСПРО

Чу ториктар шуд шаб, Исфандёр
Бипӯшид нав ҷомаи корзор.

Сари банди сандуқҳо баркушод,
Яке то бар он бастагон чуст бод.

Кабобу май оварду ҳам хӯрданӣ,
Ҳамон ҷомаи разму пӯшиданӣ.

Чунон хӯрда шуд ҳар якеро се ҷом,
Май оварду гаштанд аз он шодком.

Ҳаме[5] гуфт: к-«Имшаб шабе пурбалост,
Агар ном гирем аз эдар сазост.

Бикӯшеду кирдори[6] мардон кунед,
Паноҳ аз балоҳо ба Яздон кунед».

1. М – саронро.
2. М – маманед дер.
3. М – Касеро зи Эрон мехонед шер.
4. ИЛ – лашкар аз.
5. ЛМ – чунин.
6. ИЛ – пайкори.

www.sattor.com

В-аз он пас ялонро ба се баҳра кард,
Ҳар он кас, ки ҷустанд нангу набард.

Яке баҳра з-эшон миёни ҳисор,
Ки ҷӯянд бо ҳар касе корзор.

Дувум[1] баҳра то бар дари диж шаванд,
Зи пайкору хун рехтан нағнаванд.

Севум беҳраро гуфт аз он саркашон
Набояд, ки ёбам аз ин пас нишон.

Ки буданд бо ман ҳама дӯш маст,
Саронашон ба ханҷар бибурред паст.

Худу бист мард аз далерони гурд,
Бишуд тез, дигар бар эшон супурд.

Ба даргоҳи Арҷосп омад далер,
Зиреҳдору ғуррон ба кирдори шер.[2]

Чу бонги хурӯш омадаш дар сарой,
Давон пеши озода омад Ҳумой,

Або хоҳари хеш Беҳофарид,
Ба[3] хуни мижа ҳарду рух нопадид.

Чу омад ба танг-андар Исфандёр,
Ду пӯшидаро дид чун навбаҳор.

Чунин гуфт бо хоҳарон шермард,
К-«Аз эдар бипӯед бар сони гард.

Бад-он ҷо, ки бозоргоҳи ман аст,
Басе зарру сим асту роҳи ман аст,

Бибошед то ман бад-ин размгоҳ
Агар сар диҳам, гар ситонам кулоҳ».

1. Л – дигар.
2. Л – дигар.
3. ЛМ – зи.

www.sattor.com

Бигуфт ин в-аз эшон битобид рӯй?
Ба даргоҳи Арҷосп шуд кинаҷӯй.[1]

Биёмад яке теғи ҳинду ба мушт,
Касеро[2] ки дид аз бузургон, бикушт.

Ҳама боргоҳаш чунон шуд, ки роҳ
Набуд андар он номвар ҷойгоҳ.

Зи бас кушташу хаставу кӯфта
Замин ҳамчу дарё шуд ошуфта.

Чу Арҷосп аз хоб бедор шуд,
Зи ғулғул дилаш пур зи тимор шуд.

Бичӯшиду бархост*[3] аз хобгоҳ,
Бипӯшид хафтону румӣ кулоҳ.

Ба чанг-андарун[4] ханҷари обгун,
Даҳан пур зи овозу дил пур зи хун.

Бичаст аз дари кох[5] Исфандёр,
Ба даст-андарун ханҷари обдор.

Бад-ӯ гуфт, к-«Аз марди бозоргон
Биёбӣ кунун теғи диноргон.

Яке ҳадя бахшам-т*[6] лӯҳроспӣ,
Ниҳода бар он мӯҳри гуштоспӣ.

Чу онро ситонӣ, шавад хун дилат,
Бувад зери хоки сиёҳ манзилат».[7]

Баровехт Арҷоспу Исфандёр,
Аз андоза бугзашташон корзор.

1. И – 2164 нест.
2. И – Ҳар он кас.
3. М – Арҷосп.
4. Л – даст андараш: И – андараш.
5. Л – Баровехт бо ӯ гав.
6. М – орамт.
7. ИЛМ – б. 2174 нест.

www.sattor.com

Паёпай ҳаме*[1] теғу ханҷар заданд,
Гаҳе бар миён, гоҳ бар сар заданд.

Ба захм-андар Арҷоспро кард суст,
Набуд*[2] бар танаш ҳеч ҷои дуруст.

Зи пой андаромад тани пилвор,
Ҷудо кардаш аз тан сар Исфандёр.[3]

Чунин аст кирдори гарданда даҳр,
Гаҳе нӯш ёбӣ аз ӯ, гоҳ заҳр.

Чӣ бандӣ дил андар сарои сипанҷ?
Чу донӣ, ки эдар намонӣ, маранҷ.[4]

Бипардахт аз Арҷосп Исфандёр,
Ба кайвон баровард аз айвон димор.

Бифармуд, то шамъ бифрӯхтанд,
Ба ҳар сӯи айвон ҳаме сӯхтанд.

Шабистони ӯро ба ходим супурд
В-аз он ҷойгаҳ рӯшноӣ бибурд.

Дари ганҷи динорро мӯҳр кард,
Бад-он ҷо намондаш*[5] касе ҳамнабард.

Биёмад сӯи охуру барнишаст,
Яке теғи ҳиндӣ гирифта ба даст.

Аз он тозиаспон[6], к-аш омад гузин,
Бифармуд, то барниҳоданд зин.

---

1. М – Ҳам эдун.
2. М – Надиданд.
3. ТПЗЛ – Чу кушта шуд Арҷосп ҳам дар замон,*
   Хурӯше баромад зи кохи занон.
   * А – Чу шуд кушта Арҷосп озурдаҷон.
4. ТПЗ – Агар шаҳрёр асту гар ҳаст гурд,
   Бад-ин сон намонад ҷаҳон дастбурд.
5. М – Ба айвон набудаш.
6. И – Бад-он тозиаспе.

www.sattor.com

Бирафтанд аз он ҷо саду шаст мард,
Гузида саворони рӯзи набард.

Ҳамон хоҳаронро ба аспон нишонд,
Зи даргоҳи Арҷосп лашкар биронд.

В-аз эрониён номвар мард чанд
Ба диж монд бо Соваи арҷманд.

«Чу мо,*[1]-гуфт,- аз ин бора берун шавем,*[2]
Худу номдорон ба ҳомун шавем,*[3]

Ба туркон дари диж бубандед сахт,
Магар ёр бошад маро нек бахт.

Ҳар он гаҳ, ки ояд гумонтон, ки ман
Расидам бад-он номвар анҷуман,

Ғави дидабон бояд аз дидагоҳ,
Ки нӯша сару тоҷи Гуштоспшоҳ.

Чу анбӯҳ гардад бари диж сипоҳ,
Гурезону баргашта аз размгоҳ,

Сари шоҳи туркон аз он дидагоҳ,
Биёндохт бояд ба пеши сипоҳ».[4]

В-аз он ҷо диловар ба ҳомун шитофт,
Бикушт аз тагинон, касеро ки ёфт[5].

Биёмад зи диж бо саду шаст мард,
Хурӯшону ҷӯшон ба дашти набард.

---

1. М – ман.
2. М – шавам.
3. М – шавам.
4. ТПЗИ – В-аз он ҷо бифармуд, то посбон
   Барорад зи болои бора фиғон,
   Ки пирӯз шуд фаррух Исфандёр
   Сари шоҳи туркон бибуррид зор.
   Ба хок - андар афканд Арҷоспро
   Барафрӯхт ӯ ном Гуштоспро.
5. ИЛ –б. 2196 нест.

www.sattor.com

Чу назди сипоҳи Башутан расид,
Бар ӯ ҳар ки дид, офарин густарид.

Сипоҳаш ҳама монд андар шигифт,
Ки марди ҷавон он далерӣ гирифт.

КУШТАНИ ИСФАНДЁР КӮҲРАМРО

Чу моҳ аз бари тахти симин бигашт,
Се пос аз шаби тира андаргузашт,

Ҳаме посбон бархурӯшид сахт,
Ки «Гуштоспшоҳ аст фирӯзбахт.[1]

Ҳамеша ҷавон бод Исфандёр,
Варо бод чарху маҳу бахт ёр!

Ки бар кини Лӯҳросп з-Арҷосп сар
Бибурриду бифрӯхт оину фар.

Ба хок андарафканд шаҳро зи тахт,
Барафрохт Гуштоспро ному бахт»[2].

Чу туркон шуниданд аз ин сон хурӯш,
Ниҳоданд яксар ба овоз гӯш.

Дили Кӯҳрам аз дидбон тира гашт[3].
Равонаш зи овози ӯ хира гашт[4].

Чу бишнид то Андаримон бигуфт,
Ки «Тирашаб овоз натвон нуҳуфт.

Чӣ гӯӣ, ки имшаб чӣ шояд будан,
Бибояд ҳама достонҳо задан.

---

1. И – пас аз б. 2201 ин б. омада:
   Ғави посбон омад аз дидгоҳ,
   Ки гум шуд сару тоҷи Арҷоспшоҳ.
2. Л – б. 2202, 2204 нест; И –б. 2204 нест.
3. Л –шуд.
4. Л – шуд.

www.sattor.com

Кӣ ёрад кушодан бад-ин гуна лаб
Ба болини шоҳе чунин[1] тирашаб.

Чӣ[2] бозӣ кунад посбон рӯзи ҷанг,
Бад-ин номдорон шавад кор танг.

Бибояд фиристод то ҳар ки ҳаст
Сарашро ба ханҷар бибуранд паст.

Агар душмани мо бувад хонагӣ,
Биҷӯяд ҳаме рӯзи бегонагӣ.

Ба овози бадгуфтану фоли бад
Бикӯбем мағзаш ба кӯполи бад».

Чу з-ин гуна овоз пайваста шуд,
Дили Кӯҳрам аз посбон хаста шуд.

Зи бас наъра аз ҳар сӯе з-ин нишон
Пуровоз шуд гӯши гарданкашон.

Сипаҳ гуфт: «Овоз бисёр гашт,
Аз андозаи посбон баргузашт[3].

Кунун душман аз хона берун кунем
В-аз он пас бар ин лашкар афсун кунем».

Дили Кӯҳрам аз посбон танг шуд,
Бупечиду рӯяш пурожанг шуд.

Ба лашкар чунин гуфт, к-«Аз кори шоҳ
Дили ман пур аз дард шуд з-ин сипоҳ.

Кунун бегумон боз бояд шудан,
Надонам, к-аз ин пас чӣ шояд будан».

1. Л – шоҳӣ дар ин.
2. ЛМ – Чу.
3. ИЛ – даргузашт.

www.sattor.com

Бузургон чунин пушт[1] баргоштанд,
Ба шаб дашти пайкор бугзоштанд.

Пас андар ҳаме омад Исфандёр,
Зиреҳдор бо гурзаи говсор.

Чу Кӯҳрам ба дарвозаи[2] диж расид,
Зи пас лашкар[3] эрониёнро бидид.

Чунин гуфт, к-«Акнун ҷуз аз разм кор
Чӣ мондаст бо гурд[4] Исфандёр?

Ҳама теғҳо баркашед аз ниём,
Ба ханҷар фиристод бояд паём».

Ба чеҳра чу тоб андаровард бахт,
Бар он номдорон бишуд*[5] кор сахт.

Ду лашкар бад-он сон барошуфтанд,
Ҳама бар сари якдигар кӯфтанд.

Чунин то баромад сапедадамон,
Бузургони Чинро сар омад замон.

Бирафтанд гурдони Исфандёр
Бар он бораи номвар шаҳрёр.

Бурида сари гурд Арҷоспро,
Ҷаҳондору хунрез Лӯҳроспро.

Ба пеши*[6] сипоҳ - андар андохтанд,
Зи пайкори туркон бипардохтанд.

Хурӯше баромад зи туронсипоҳ,
Зи сар баргирифтанд яксар*[7] кулоҳ.

---

1. Л – рӯй.
2. ИЛ – бари бораи.
3. И – бар он бора.
4. И – нокас.
5. М – бибуд.
6. М – Миёни.
7. М – гурдон.

www.sattor.com

Ду фарзанди Арҷосп гирён шуданд,
Чу бар оташи тез бирён шуданд.

Бидонист лашкар, ки он кор чист
В-аз он рӯзи бад бар кӣ бояд гирист?

Бигуфтанд: «Зоро,[1] далеро, саро,
Сипаҳдор шеро,*[2] гаво, меҳтаро,

Кӣ куштат, ки бар дашти кин кушта бод,
Бад-ӯ*[3] ҷовидон рӯз баргашта бод!

Киро бояд акнун супурдан буна,
Дурафше ки дорем бар маймана?

Чу аз шоҳ пардахт шуд тахтгоҳ[4].
Мабодо кулоҳу мабодо сипоҳ!»

Сипаҳро ба марг андаромад[5] ниёз
Зи Халлух пур аз дард шуд то Тароз.

В-аз он пас ҳама пеши марг омаданд,
Зиреҳдор бо хӯду тарг омаданд.

Деҳу дор бархост аз размгоҳ,
Ҳаво шуд ба кирдори абри сиёҳ.

Ба ҳар ҷой - бар тӯдаи кушта буд,
Касеро куҷо рӯз баргашта буд[6].

Ҳама дашт бе тан сару ёл буд,
Ба ҷои дигар дасту кӯпол буд.

Зи хун бар дари диж ҳаме мавҷ хост,
Кӣ донист дасти чап аз дасти рост?!

1. Л – шоҳо.
2. М – шоҳо.
3. М – Аз ӯ.
4. ИЛМ – пардахта шуд қалбгоҳ.
5. ИЛ – омад акнун.
6. И – Зи хун рег ҳамчун гил оғушта буд.

www.sattor.com

Чу Исфандёр андаромад зи ҷой,
Сипаҳдор Кӯҳрам бифшурд пой.

Ду ҷангӣ бар он сон баровехтанд,
Ки гуфтӣ ба ҳамшон баромехтанд.

Таҳамтан камаргоҳи Кӯҳрам гирифт,
Рабудаш зи рӯи замин, эй шигифт!

Баровардаш аз ҷою зад бар замин,
Ҳама лашкараш хонданд офарин.

Ду дасташ бубастанду бурданд хор,
Пароканда шуд лашкари номдор.

Ҳаме гурз борид ҳамчун тагарг,
Замин пур зи таргу ҳаво[1] пур зи марг.

Сар аз теғборон чу барги[2] дарахт,
Яке рехт рахту[3] яке ёфт тахт.

Ҳаме мавҷ зад хун дар он размгоҳ
Саре зери наълу саре бо кулоҳ.

Надонад касе орзуи ҷаҳон,
Нахоҳад ба мо баркушодан ниҳон.

Касе к-аш сарафроз буд борагӣ,
Гурезон ҳаме ронд[4] якборагӣ.

Ҳар он кас, ки шуд дар дами аждаҳо,
Бикушид, з-ӯ ҳам наёмад раҳо.

Зи туркони чинӣ[5] фаровон намонд
В-агар монд, кас номи эшон нахонд.

---

1. Л – Ҳаво пур зи гарду замин.
2. Л – чу барг аз.
3. Л – хуну.
4. И – Ҳамеронд з-он ҷо ба.
5. ИЛ – туркон зи чинӣ.

www.sattor.com

Ҳама таргу хафтон[1] фурӯ рехтанд;
Ҳама дида бо хун баромехтанд.

Давон пеши Исфандёр омаданд,
Ҳама дида чун навбаҳор омаданд.

Сипаҳдор хунрези[2] бедод буд,
Сипоҳаш ба бедоди ӯ шод буд.

Касеро надод аз ялон зинҳор,
Бикуштанд аз он хастагон бешумор.

Зи гурдони Чин номдоре намонд,
Ба Туронзамин шаҳрёре намонд.

Саропардаву хайма бардоштанд,
Бар он куштагон ҷой бугзоштанд[3].

Бизад бар дари диж ду дори баланд,
Фурӯ ҳишт аз дор печон каманд.

Сари Андаримон нагунсор кард,
Бародар-шро зинда[4] бар дор кард.

Сипоҳе бурун кард аз ҳар сӯе,
Зи ҷое ки омад нишон аз кӯе,

Бифармуд, то оташ андарзаданд,
Ҳама шаҳри Турон ба ҳам барзаданд.

Ба ҷое яке номдоре намонд,
Ба[5] Чину ба[6] Туркон*[7] саворе намонд.

---

1. И – чавшан.
2. Л – хунрезу.
3. И – бурд.
4. ТПЗЛИМ – Чу пайдо шуд аз ҳар даре неку бад,
   Бар он рӯи диж рафту хайма бизад.
5. И – зи.
6. И – зи.
7. М – Турон.

www.sattor.com

Ту гуфтӣ, ки абре баромад сиёҳ,
Биборид оташ бар он размгоҳ.

Ҷаҳонҷӯй чун кор аз он гуна дид,
Саронро биёвард, май даркашид[1].

НОМА НАВИШТАНИ ИСФАНДЁР БА ГУШТОСП ВА ПОСУХИ Ӯ

Дабири нависандаро пеш хонд
В-аз он чораву ҷанг лахте[2] биронд.

Бари тахт биншаст фаррух дабир,
Қалам хост аз турку чинӣ ҳарир[3].

Нахустин, ки нӯки қалам шуд сиёҳ,
Гирифт офарин бар Худованди моҳ.

Худованди кайвону ноҳиду ҳур,
Худованди пилу Худованди мӯр.

Худованди пирӯзиву фарраҳӣ,
Худованди дайҳиму шоҳаншаҳӣ.

Худованди некидиҳу раҳнамой
Худованди ҷою Худованди рой.

Аз ӯ ҷовидон номи Гуштосп бод,
Ба мину ҳама коми Лӯҳросп бод![4]*[5]

1. И – б. 2269 нест.
2. ИЛМ – чанде.
3. Л – хосту қиртосу мушку абир.
4. Л – пас аз б. 2276 ин б. омада:

   Чу пардахта шуд з-офарини Худой
   Кушоданд аз ҳар сӯе ҳушу рой.
   Аз он корҳое, ки ӯ карда буд,
   Сари душманонро, ки бистурда буд,
   Чунин гуфт, к-эй шоҳи номоварон,
   Ҳама меҳтарон мар туро кеҳтарон.
   Кунам огаҳ аз кори худ шоҳро,
   Ки ман худ напаймудаам роҳро.
5. М – Замин равшан аз номи Лӯҳросп бод!

www.sattor.com

Расидам ба роҳе ба Туронзамин,
Ки ҳаргиз нахонам бар ӯ офарин.

Агар баркушоям саросар сухан,
Сари марди[1] нав гардад аз ғам куҳан.

Чу дастур бошад маро шаҳрёр,
Бихонам бар ӯ чораи корзор.

Ба дидори ӯ шоду беғам шавам
В-аз ин ранҷи дерина хуррам шавам.

В-аз он чораҳое ки ман сохтам,
Ки то дил зи кина бипардохтам[2].

Ба Рӯиндиж Арҷоспу Кӯҳрам намонд,
Ҷуз аз мӯяву[3] дарду мотам намонд.

Касеро надодам ба ҷон зинҳор,
Гиё дар биёбон сар овард бор.

Ҳама мағзи мардум хурад шеру гург,
Ҷуз аз дил наҷӯяд паланги сутург.

Фалак равшан аз тоҷи Гуштосп бод,
Замин гулшан аз шоҳ Луҳросп бод!

Чу бар нома-бар мӯҳри Исфандёр
Ниҳоданду ҷастанд[4] чанде савор.

Ҳаюнони кафкафкани тезрав,
Ба Эрон фиристод солори нав.

Бимонд аз паи посухи номаро,
Бикушт оташи марди худкомаро.

1. И – Сазад марди.
2. И – 2280, 2281 нест.
3. И – нолаву.
4. Л – рафтанд.

www.sattor.com

Басе барнаёмад, ки посух расид,
Яке нома буд банди ӯро калид[1].

Сари посухи нома буд аз нахуст,
Ки поянда бод, он ки некӣ биҷуст.

Хирад ёфта марди некишинос,
Ба тангӣ зи Яздон биёбад сипос.

Дигар гуфт, к-аз додгар як Худой
Бихоҳам, ки ӯ бошадат раҳнамой.

Дарахте бикиштам ба боғи биҳишт,
К-аз он борвартар Фаридун накишт.

Бараш сурхёқуту зар омадаст,
Ҳама барг аз зебу фар омадаст.

Сараш мебисояд ба чархи баланд,
Ҳам эдун бувад бехи ӯ арҷманд[2].

Бимонод то ҷовидон ин дарахт,
Тана̄боду шодондилу некбахт[3].

Яке[4] он ки гуфтӣ, ки кини[5] ниё,
Биҷустам ман[6] аз чораву кимиё.

Дигар он ки гуфтӣ зи хунрехтан,
Ба танҳо ба разм-андар овехтан,

Тани шаҳрёрон гиромӣ бувад,
Ҳам аз кӯшишу ҷанг номӣ бувад.

---

1. И – б. 2288, 2289 нест.
2. ИЛМ – б. 2295 нест.
3. ТПЗ – Расид он навишта ба наздики ман,
   Ки равшан шуд ин ҷони торики ман.
   Навишта дар ӯ, он чӣ пеш омадат,
   Ҳунарҳо зи пайванд беш омадат.
4. Л – нахуст.
5. Л – хуни.
6. Л – пур.

www.sattor.com

Нигаҳдори тан бошу они хирад,
Ки ҷонро ба дониш хирад парварад.

Се*[1] дигар, ки гуфтӣ зи чандин ҳазор
Надодам касеро ба ҷон зинҳор.

Ҳамеша дилат меҳрубон боду гарм,
Пур аз шарм ҷон, лаб пуровои нарм.

Мабодо туро пеша хун рехтан,
На бе кина бо меҳтар овехтан.

Чу кини бародар-т буд сиву ҳашт,
Аз андоза хун рехтан даргузашт.

Ва*[2] дигар, к-аз он пиргашта ниё
Зи дил дур карда баду кимиё,

Чу хун рехтандаш, ту хун рехтӣ,
Чу шерони ҷангӣ баровехтӣ.

Ҳамеша бизӣ шоду беҳрӯзгор,
Равону хирад бодат омӯзгор.

Ниёз аст моро ба дидори ту
Бад-он пурҳунар[3] ҷони бедори[4] ту.

Чу нома бихонӣ, сипаҳ барнишон,
Бад-ин боргоҳ ой бо саркашон.

Ҳаюни таковар зи дар бозгашт,
Ҳама шаҳри Эрон пуровоз гашт.

Савори ҳаюнон чу боз омаданд,
Ба назди таҳамтан фароз омаданд.

1. М – Ва.
2. М – Се.
3. Л – пурхирад.
4. Л – хушёри.

www.sattor.com

БОЗГАШТАНИ ИСФАНДЁР НАЗДИ ГУШТОСП

Чу он нома бархонд Исфандёр,
Бубахшид динор, барсохт кор.

Ҷуз аз ганҷи Арҷосп чизе намонд,
Ҳама ганҷи хешони ӯ барфишонд.

Сипоҳаш ҳам аз ӯ тавонгар шуданд,
Аз андозаи кор бартар шуданд.

Шутур буду аспон[1] ба дашту ба кӯҳ
Ба доғи сипаҳдори Туронгурӯҳ.

Ҳаюн хост аз ҳар сӯе даҳ ҳазор
Пароканда дар дашту дар кӯҳсор[2].

Ҳазор уштур[3] аз ганҷи динори шоҳ
Чу сесад зи дебову тахту кулоҳ.

Сад аз мушк в-аз анбару гавҳарон,
Сад аз тоҷ в-аз номвар афсарон,

Аз афканданиҳои дебо ҳазор
Бифармуд то барниҳоданд бор.

Чу сесад шутур ҷомаи чиниён
Зи махруту мадхуну аз парниён.

Иморӣ бисечид дебо ҷулайл
Канизак бибурданд чинӣ ду хайл.

---

1. Л – астар.
2. ТПЗЛ – Ҳама ганҷи Арҷосп дар боз кард,
Нигаҳбон дирамсахтан оғоз кард.
Ҳаюн хост в-онҳо ҳама бор кард,
Ба эронзамин симу зар хор кард.
Ҳазор астар аз ҷомагӣ ҳарҷӣ буд,
Ҳазор аз зару гавҳари нобисуд
Ҳазор аз ғуломони зарринкамар,
Ҳам аз бадраву бардаву симу зар.
3. Л – астар.

www.sattor.com

Ба рух чун баҳору ба болой сарв,
Миёнҳо чу ғарву ба гаштан тазарв.

Або хоҳарони ял Исфандёр
Бирафтанд бутрӯй сад номдор.

Зи пӯшидарӯёни Арҷосп панҷ
Бирафтанд бо мӯяву дарду ранҷ.

Ду хоҳар, ду духтар, яке модараш,
Пур аз дард бо сӯгу хаста бараш.*[1]

Пас[2] оташ ба Рӯиндиж-андар фиканд,
Забона баромад ба чархи баланд.

Ҳама бораи диж бизад бар замин,
Баровард гард аз бару буми Чин.

Се пури ҷавонро сипаҳ доду гуфт
Парогандa*[3] бошеду бо бахт ҷуфт.

Ба роҳ ар касе сар бупечад зи дод,
Сароншон ба ханҷар бибурред шод.

Шумо роҳ сӯи биёбон баред,
Синонҳо ба хуршеди тобон баред.

Сӯи Ҳафтхон ман ба нахчиру шер
Биёям, шумо раҳ макӯбед дер.

Бимӯлам,[4] бигирам сари роҳро,
Бубинам шуморо сари моҳро.

Сӯи Ҳафтхон омад Исфандёр
Ба нахчир бо лашкари номдор.

1. М – Або мӯя модар, ба ғам духтараш.
2. ЛМ – Чу.
3. М – Ки бедор.
4. Л – нахустин.

www.sattor.com

Чу наздики он ҷои сармо расид,
Ҳама хоста гурд бар ҷой дид.

Ҳаво хушгувору замин пурнигор,
Ту гуфтӣ ба тир андаромад баҳор.

В-аз он ҷойгаҳ хоста баргирифт,
Ҳаме монд з-он ахтар андар шигифт[1].

Чу наздикии шаҳри Эрон расид,
Ба ҷои далерону шерон расид,

Ду ҳафта ҳаме гашт бо юзу боз,
Ғамӣ буд аз он ранҷу роҳи дароз.

Се фарзанди пурмояро чашм дошт,
Зи дер омаданашон ба дил хашм дошт.

Биёмад сипоҳу биёмад писар,
Бихандид бо ҳар яке тоҷвар.

Бигуфто, ки «Роҳ*[2] ин ки ман кӯфтам,
Зи дер омадантон барошуфтам».

Замин бӯса доданд ҳар се писар,
Ки чун ту кӣ дорад ба гетӣ падар?

В-аз он ҷойгаҳ сӯи Эрон кашид,
Ҳама ганҷ сӯи далерон кашид.

Ҳама шаҳри Эрон биёростанд,
Маю руду ромишгарон хостанд.

Зи деворҳо ҷома овехтанд,
Зи бар мушку анбар ҳаме рехтанд.

Ҳаво пур зи овози ромишгарон,
Замин пурсаворони найзаварон.

1. Л – б. 2336 нест.
2. М – Ки роҳи дурушт.

www.sattor.com

Чу Гуштосп бишнид, ромиш гузид,
Ба овози ӯ ҷоми май даркашид.

Ба лашкар бифармуд, то ҳар кӣ буд,
Зи кишвар касе к-ӯ бузургӣ намуд,

Ҳама бар дараш бо табира шуданд,
Бузургони лашкар пазира шуданд.

Падар низ бо номвар бихрадон
Бузургони фарзонаву[1] мӯбадон,

Биёмад ба пеши писар тозарӯй,
Ҳама шаҳр яксар пур аз гуфтугӯй.

Чу рӯи падар дид шоҳи ҷавон,
Дилаш гашт шодону равшан равон.

Барангехт аз ҷой шабрангро,
Фурӯзандаи оташи ҷангро.

Пиёда*[2] падарро ба бар даргирифт,
Падар монда аз кори ӯ дар шигифт.

Ҳаме хонд бар вай басе офарин,
Ки бе ту мабодо замону замин.

В-аз он ҷо ба айвони шоҳ омаданд,
Ҷаҳоне варо некхоҳ омаданд.

Биёрост Гуштосп айвону тахт,
Дилаш гашта*[3] хуррам аз он некбахт.

Ба айвонҳо дарниҳоданд хон,
Ба солор гуфто: «Меҳонро бихон».

Биёмад зи ҳар гӯшае майгусор
Ба наздики он хусрави[4] шаҳрёр.

---

1. Л – фарзона бо.
2. М – Биёмад.
3. М – буд.
4. Л – номвар.

www.sattor.com

Маи хусравонӣ ба*[1] ҷоми булур
Гусорандаро дод рахшон чу ҳур.

Зи[2] май гунаи рӯяшон[3]*[4] барфурӯхт,
Дили бадсиголон бимурду[5] бисӯхт.

Писар хӯрд бо шарм ёди падар,
Падар ҳамчунон низ ёди писар.

Бипурсид Гуштосп аз Ҳафтхон,
Аз он номвар пури фаррух ҷавон.*[6]

Ба Гуштосп гуфт он гаҳ Исфандёр,
Ки дар базмгаҳ ин макун хостор.

Бигӯям ба пеши ту фардо ҳама,
Аё пурхирад шаҳрёри рама[7].

Суханҳои дерина боз*[8] оварем,
Ба гуфтор лабро ниёз*[9] оварем.

Чу фардо ба ҳушёрӣ ин бишнавӣ,
Ба пирӯзии додгар бигравӣ.

Бирафтанд ҳар як, ки гаштанд маст,
Гирифта яке моҳрухро ба даст.

Сар омад кунун қиссаи Ҳафтхон,
Ба номи ҷаҳондор инро бихон,

Ки ӯ дод бар неку бад дастгоҳ,
Худованди хуршеду рахшанда*[10] моҳ.

---

1. – хусравониву.
2. Л – Чу.
3. Л – чеҳраи дӯстон.
4. – ҳама гунаи дӯстон.
5. Л – душманонро ба оташ.
6. – Ки бар номдорони Эрон бихон.
7. Л – 2364, 2365 нест.
8. М – ёд оварем.
9. М – ба дод.
10. М – тобанда.

www.sattor.com

Агар шоҳи пирӯз бипсандад ин,
Ниҳодем бар чархи гарданда зин[1].

Кунун хӯрд бояд маи хушгувор,
Ки ме бӯи мушк ояд аз кӯҳсор.

Ҳаво пурхурӯшу замин пур зи ҷӯш,
Хунук он ки дил шод дорад ба нӯш.

Дирам дораду нону нуқлу набид,
Сари гӯсфанде тавонад бурид.

Маро нест ин, хуррам онро ки ҳаст,
Бубахшой бар мардуми тангдаст[2].

Ҳама бӯстон зери барги гул аст,
Ҳама кӯҳ пурлолаву сунбул аст,

Ба полез булбул бинолад ҳаме,
Гул аз нолаи ӯ бинолад ҳаме.

Шаби тира булбул нахуспад ҳаме,
Гул аз боду борон бичаспад ҳаме.

Ман аз абр бинам ҳаме боду нам,
Надонам, ки наргис чаро шуд дижам.

Бихандад ҳаме булбул аз ҳардувон,
Чу бар гул нишинад, кушояд забон.

---

1. И – б. 2307 – 2374 нест.
   ТПЗИ – Зи мо бод бар ҷони шоҳ офарин,
   Дили ӯ мабодо ба кайҳон ғамин.
   Ҳамеша зи додори додофарин
   Бар ин номвар шоҳ бод офарин.
   Ҷаҳондори пирӯз ёри ту бод,
   Сари ахтар андар канори ту бод!
2. Л –пас аз б. 2375 ин б. омада:
   Хунук он ки ӯ ҷом дорад ба даст,
   Зи ишқи тани моҳрух гашта маст!

www.sattor.com

Надонам, ки ошиқ гул омад, гар абр,
Ки аз абр бинам хурӯши ҳизабр.

Бидаррад ҳаме[1] пеши пероҳанаш,
Дурахшон шавад оташ андар танаш.

Сиришки ҳаво бар замин шуд гуво
Ба наздики хуршеди фармонраво.

Кӣ донад, ки булбул чӣ гӯяд ҳаме,
Ба зери гул-андар чӣ ҷӯяд[2] ҳаме.

Нигаҳ кун саҳаргоҳ,[3] то бишнавӣ
Зи булбул сухан гуфтани паҳлавӣ.

Ҳаме нолад аз марги Исфандёр,
Надорад ба ҷуз нола з-ӯ ёдгор[4].

Зи[5] овози Рустам шаби тира абр
Бидаррад дили пилу чанги[6] ҳизабр.

1. Л – бод.
2. Л – пӯяд.
3. Л – саҳаргаҳ, ки.
4. Л – нолаи корзор.
5. Л – Чу.
6. Л – дилу ҷону гӯши.

www.sattor.com

ДОСТОНИ РАЗМИ ИСФАНДЁР БО РУСТАМ

ОҒОЗИ ДОСТОН

Зи булбул шунидам яке достон,
Ки бархонд аз гуфтаи бостон,

Ки чун маст боз омад Исфандёр,
Дижам гашта аз хонаи шаҳрёр,

Катоюни Қайсар, ки буд модараш,
Гирифта шаби тира андар бараш.

Чу аз хоб бедор шуд ними шаб
Яке ҷоми май ҷусту[1] букшод лаб,

Чунин гуфт бо модар Исфандёр,
Ки « Бо ман ҳаме бад кунад шаҳрёр.

Маро гуфт чун кини Лӯҳроспшоҳ
Бихоҳӣ ба мардӣ зи Арҷоспшоҳ,

Биёрӣ ту мар хоҳаронро*[2] зи банд,
Кунӣ номи моро ба гетӣ баланд,

Ҷаҳон аз бадон пок бехав кунӣ,
Бикӯшиву ороиши нав кунӣ,

Ҳама подшоҳиву лашкар турост.
Ҳамон ганҷ бо тахту[3] афсар турост.

Кунун чун барорад сипеҳр офтоб,
Сари шоҳ[4] бедор гардад зи хоб,

1. Л – хосту.
2. М – Ҳамон хоҳаронро биёрӣ.
3. Л – тоҷу.
4. И – шаҳаншоҳ.

www.sattor.com

Бигӯям бад-ӯ он суханҳо, ки гуфт,
Зи ман ростиҳо набояд*[1] нуҳуфт.

Агар тоҷи шоҳӣ супорад ба ман,
Парастиш кунам чун бутонро шаман[2].

В-агар ҳеч тоб андарорад ба чеҳр,
Ба Яздон, ки бар пой дорад сипеҳр,

Агар на ман он тоҷ бар сар ниҳам,
Ба эрониён ганҷу кишвар диҳам.

Туро бонуи шаҳри Эрон кунам,
Ба зӯру ба дил кори шерон кунам».

Ғамӣ шуд зи гуфтори ӯ[3] модараш,
Ҳама парниён хор шуд дар бараш.

Бидонист, к-он ганҷу[4] тахту кулоҳ
Набахшад бад-ӯ[5] номбардор шоҳ.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй ранҷдида писар,
Зи[6] гетӣ чӣ ҷӯяд дили тоҷвар?

Ҳама ганҷу фармону рои сипоҳ
Ту дорӣ, бар ин - бар фузунӣ маҳоҳ.

Яке тоҷ дорад падар-т эй писар,
Ту дорӣ ҳама лашкару буму бар,

Чӣ некӯтар аз наррашери жаён
Ба пеши падар-бар камар бар миён?

Чу[7] ӯ бигзарад, тоҷу тахташ турост,
Бузургиву аврангу бахташ турост».

1. М – наёрад.
2. ИЛ –б. 2399 нест.
3. Л – дили меҳрубон.
4. Л – тоҷу.
5. Л – варо.
6. Л – Ба.
7. ИЛ – Гар.

www.sattor.com

Чунин гуфт бо модар Исфандёр,
Ки «Неку зад ин достон ҳушёр,

Ки пеши занон роз ҳаргиз магӯй,
Чу гӯӣ сухан, боз ёбӣ ба кӯй[1].

Ба коре макун низ[2] фармони зан,
Ки ҳаргиз набинӣ зани ройзан»[3].

Пурожангу ташвир шуд модараш,
Зи гуфтан пушаймонӣ омад бараш.

Нашуд пеши Гуштосп Исфандёр,
Ҳаме буд бо ромишу майгусор.

Ду рӯзу ду шаб бода аз ҷом*[4] х(в)ард,
Бари моҳрӯёнаш ором кард.

Севум рӯз Гуштосп огоҳ шуд,
Ки фарзанд ҷӯяндаи гоҳ шуд,

Ҳаме дар[5] дил андеша бифзоядаш,
Ҳаме тоҷу тахти каӣ[6] боядаш.*[7]

Бихонд он замон шоҳ Ҷомоспро,
Ҳамон фолгӯёни[8] Лӯҳроспро[9].

Бирафтанд бо зиҷҳо дар канор,
Бипурсид шоҳ[10] аз гав Исфандёр,

1. ТПЗ – Агар лаб бубандӣ зи баҳри газанд,
Нагӯӣ занонро, бувад судманд.
2. Л – макун ҳеч коре.
3. ТПЗ – Зане гар ҷаҳон шуд ба фармони ӯй,
Бари ӯ набошад гиромӣ чу шӯй.
4. М – бодаи хом.
5. Л – бар.
6. ИЛ – тахт орзу.
7. М – Каӣ тоҷу тахт орзу оядаш.
8. И – фолгирони.
9. Л – Куҷо раҳнамун буд Гуштоспро.
10. И – Бипурсидашон.

www.sattor.com

Ки «Ӯро бувад зиндагонӣ дароз?
Нишинад ба хубиву орому[1] ноз?

Ба сар барниҳад тоҷи шоҳаншаҳӣ?*[2]
Бар ӯ пой дорад беҳиву меҳӣ»?*[3]

Чу бишнид донои Эрон сухан,
Нигаҳ кард бо зиҷҳои куҳан,

Зи тимор мижгон пур аз об кард,
Зи дониш бурӯҳо пур аз тоб кард,

Ҳаме гуфт: «Бадрӯзу бадахтарам,
Бад аз дониш ояд ҳаме бар сарам.

Маро кош, ки пеши фаррух Зарир
Замона фикандӣ ба чанголи шер.

Варо ман надидам пур аз хоку хун,
Фиканда бад-он сон ба хок-андарун.

Ва ё худ бикуштӣ[4] падар мар маро,
Нагаштӣ ба Ҷомосп шум ахтаро[5].

Чу Исфандёр он ки*[6] дар ҷанги ӯй
Бидаррад дили шер аз оҳанги ӯй,

Зи душман ҷаҳон сар ба сар кард пок,
Ба разм-андарун несташ тарсу бок.

Ҷаҳон аз бадандеш бебим кард,
Тани аждаҳоро ба ду ним кард.

Аз ин пас ғами вай бибояд кашид,
Басе шӯру талхӣ бибояд чашид».

1. Л – орому шодиву.
2. М – шоҳаншоҳон.
3. М – кулоҳи меҳан.
4. Л – накиштӣ.
5. Л – Нарафтӣ зи Ҷомосп нек ахтаро; ИМ – Нарафтӣ ба Ҷомосп бад ахтаро.
6. М – Исфандёре ки.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй писандида мард,
Сухан гӯй в-аз роҳи дониш магард.

Гар ӯ чун Зарири сипаҳбад бувад,
Маро зистан з-он сипас бад бувад[1].

Ҳало зуд биштобу бо ман бигӯй,
К-аз ин пурсишам*[2] талхӣ омад ба рӯй.

Варо дар ҷаҳон ҳуш бар дасти кист,
К-аз он дард моро бибояд гирист?»

Бад-ӯ гуфт Ҷомосп, «Эй шаҳрёр,
Ба ман барнагардад бади рӯзгор.[3]

Варо ҳуш дар Зобулистон бувад,
Ба чанги яли пури Дастон бувад»[4].

Ба Ҷомосп гуфт он замон шаҳрёр,
Ки ин корро[5]*[6] хормоя мадор.

Агар ман сари тахти шоҳаншаҳӣ
Супорам бад-ӯ ганҷу тоҷи меҳӣ,

Набинад бару буми Зобулситон,
Надонад*[7] кас ӯро ба Кобулситон.

Шавад эмин аз гардиши рӯзгор,
Бувад ахтари некаш омӯзгор.

Чунин дод посух ситорашумар,
Ки «Аз[8] чархи гардон кӣ ёбад[9] гузар?!

---

1. И –б. 2433 нест.
2. М – донишам.
3. ИЛ – к-эй.
4. ТПЗ – Ба Зобул замонаш сар ояд ҳаме,
   Чу бо пури Дастон дарояд ҳаме.
5. Л – мар ин рӯзро; И – ки ин рӯзро.
6. М – рӯзро.
7. М – набинад.
8. ИЛ – бар.
9. ИЛ – наёби.

www.sattor.com

Аз ин бар шуда тезчанг аждаҳо,
Ба зӯру ба мардӣ наёбад[1] раҳо.

Бибошад ҳама буданӣ бегумон,
Наҷустаст аз ӯ марди доно замон.

Ба дасти бузурге барояд-ш ҳуш
В-агар хуфта ояд ба пешаш суруш»[2].

Дили шоҳи Эрон[3] пурандеша шуд,
Равонаш зи андеша чун беша[4] шуд.

Пурандеша аз гардиши рӯзгор,
Ҳаме бар бадӣ будаш омӯзгор.

ХОСТАНИ ИСФАНДЁР ПОДШОҲИРО АЗ ПАДАР

Чу баргашт шаб гирд карда инон,
Сапеда баровард[5] рахшон синон,

Нишаст аз бари тахти зар шаҳрёр,
Бишуд пеши ӯ фаррух Исфандёр.

Ҳаме буд пешаш парасторфаш,
Пурандешаву[6] даст карда ба каш.

Чу дар пеши шоҳ анҷуман шуд сипоҳ.
Зи номоварону зи гурдони шоҳ,

Ҳама мӯбадон пеши тахташ рада,
Ҳам[7] испаҳбадон пеши ӯ саф зада.

1. ИЛ – мардиву дониш, ки ёбад. ИМ мардиву дониш кӣ омад.
2. ИЛ – б. 2445 нест.
3. Л – шоҳ аз он бад.
4. Л – Сараш бо ғаму дард ҳампеша.
5. Л – баровард хуршеди.
6. ИЛ – пурандеша дил.
7. Л – зи. И – В-аз.

www.sattor.com

Пас Исфандёр он гави[1] пилтан[2]
Баровард аз дард он гаҳ[3] сухан.

Бад-ӯ гуфт: «Шоҳо, анӯша бадӣ,
Туро[4] бар замин фарраи эзадӣ.

Сари доду меҳр аз ту пайдо шудаст,
Ҳамон тоҷу тахт аз ту зебо шудаст.

Туро, эй падар, ман яке бандаам,*[5]
Ҳама б-орзӯи ту пӯяндаам.[6]*[7]

Ту донӣ, ки Арҷосп аз баҳри дин
Биёмад чунон бо саворони Чин

Бихӯрдам ман*[8] он сахт савгандҳо,
Чу пазруфтам[9] он эзадӣ пандҳо,

Ки ҳар кас, ки орад бад-ин дин*[10] шикаст,
Дилаш тоб гирад, шавад бутпараст,

Миёнаш ба ханҷар кунам бар ду ним,
Набошад маро аз касе тарсу бим.

В-аз он пас, ки Арҷосп омад ба ҷанг,
Набаргаштам аз ҷанги ҷангипаланг[11].

Маро хор кардӣ ба гуфти Гуразм,
Чу ҷоми каӣ доштӣ рӯзи базм.

1. Л – яли.
2. ИМ – таҳмтан.
3. Л – дарди дил як.
4. И – тӯӣ.
5. ИЛ – танам.
6. И –б. 2456 нест, Л – Ҳамеша барои ту ман зиндаам.
7. М – пӯяндаем.
8. М – Ҳаме хӯрдам.
9. Л – пазируфтам, И – бинмудам.
10. М – ба дин-дар.
11. ТПЗМ – Яке гӯрсон кардам аз дашти кин,
Саворе намондам абар пушти зин.

www.sattor.com

Бубастӣ тани ман ба банди гарон,
Ба занҷиру мисмори оҳангарон.

Сӯи Ганбадондиж фиристодиям,
Зи хорӣ ба бегонагон додиям.

2465 Ба Зобул шудӣ, Балх бугзоштӣ,
Ҳама размро базм пиндоштӣ.

Надидӣ ҳамон[1] теғи Арҷоспро,
Фикандӣ ба хун шоҳ[2] Лӯҳроспро.

Чу Ҷомосп омад, маро баста дид,
В-аз он бастагиҳо маро[3] хаста дид,

Маро подшоҳӣ пазируфту тахт,
Бар ин низ чанде бикӯшид сахт.

Бад-ӯ гуфтам ин бандҳои гарон,
Сутунҳову мисмори оҳангарон,[4]*[5]

2470 Ба Яздон намоям ба рӯзи шумор,
Бинолам зи бадкун ба парвардгор[6].

Маро[7] гуфт, к-аз хуни чандин сарон
Сарафроз бо гурзҳои гарон,

Дар он размгаҳ хаста танҳо ба тир,
Ҳамон хоҳаронро, ки бурданд асир,

1. ИЛ – ҳаме.
2. Л – пир.
3. М – Ҳама мар туро чун бандаем.
4. Л – пас аз б. 2469 ин б. омада:
Бимон ҳамчунин ҳам ба фармони шоҳ,
Нахоҳам сипоҳу нахоҳам кулоҳ.
5. М – Чи занҷиру мисмори оҳангарам.
6. Л – пас аз б. 2470 ин б. омада:
Маро гуфт агар панди ман бишнавӣ,
Бисозӣ бар ин тахт-бар паҳлавӣ.
7. Л – дигар.

www.sattor.com

Дигар гурди*[1] озода Фаршедвард
Фикандаст хаста ба дашти набард[2]?

Зи туркон гурезон тани[3] шаҳрёр,
Ҳаме печад аз банд Исфандёр

Насӯзад[4] дилат бар чунин корҳо,
Бад-ин дарду тимору озорҳо».

Суханҳо ҷуз ин*[5] низ бисёр гуфт,
Ки гуфтор бо дарду ғам буд ҷуфт[6].

Ғулу банд барҳам шикастам ҳама,
Давон омадам пеши шоҳи рама.

Аз эшон бикуштам фузун аз шумор,
Зи кирдори ман шод шуд*[7] шаҳрёр.

Гар аз Ҳафтхон андарорам[8] сухун,
Ҳамоно, ки ҳаргиз наёяд ба бун.

Зи тан боз кардам сар Арҷоспро,
Барафрохтам ном Гуштоспро.

Зану кӯдакон-шон бад-ин боргоҳ
Биёвардаму ганҷу тахту кулоҳ[9].

Ҳама некуиҳо[10] ниҳодӣ ба ганҷ,
Маро моя хун омаду суд ранҷ.

1. М –供: Бародарт.
2. И –б. 2473 нест.
3. ИЛ – шуда.
4. И – напечад.
5. М – чунин.
6. ТПЗ – Биёвард чандин зи оҳангарон,
Ки соянд он бандҳои гарон.
Ҳаме кори оҳангарон дер буд,
Дили ман бар оҳанги шамшер буд.
7. М – Нагӯям сухан каж бари.
8. ИЛ –баркушоям.
9. И – тоҷу ганҷу сипоҳ.
10. Л – хоста.

www.sattor.com

Зи бас банду[1] савганду паймони ту
Дилам гармтар шуд ба[2] фармони ту.

Ҳаме гуфтӣ, ар боз бинам туро,
Зи равшан равон баргузинам туро,

Супорам туро афсару тахти оҷ,
Ки ҳастӣ ба мардӣ сазовори тоҷ.

Маро аз бузургон ҳаме шум хост,
Ки гӯянд: «Ганҷу сипоҳат куҷост?»

Баҳона кунун чист? Ман бар чиам,
Пур аз ранҷ пӯён зи баҳри киам?

Шаҳон гуфтаи худ ба ҷой оваранд,
Зи аҳду зи паймони худ нагзаранд.

Писарро бинеҳ тоҷ акнун ба сар,
Чунон чун ниҳодат ба сар-бар падар».[3]

ПОСУХ ДОДАНИ ГУШТОСП ПИСАРРО

Ба фарзанд посух чунон дод шоҳ,
Ки «Аз ростӣ бугзарӣ, нест роҳ.

Аз ин беш кардӣ, ки гуфтӣ ту кор,
Ки ёри ту бодо ҷаҳонкирдгор.

Набинам кунун душмане дар ҷаҳон,
На дар ошкоро, на андар ниҳон,

Ки номи ту ёбад, на печон шавад,
Чӣ печон? Ҳамоно, ки беҷон шавад.

Ба гетӣ надорӣ касеро*[4] ҳамол,
Магар пурҳунар номвар пури Зол,

1. Л – панду.
2. Л – Ҳаме нагзарам ман зи.
3. ИЛМ – б. 2488, 2489 нест.
4. М – Зи гетӣ надонам туро кас.

www.sattor.com

Ки ӯрост то ҳаст Зобулситон,
Ҳамон Бусту Ғазнину Кобулситон.

Ба мардӣ ҳамон з-осмон бугзарад,
Ҳаме хештан кеҳтаре нашмарад.

Бупечад зи рою зи фармони ман,
Сар андарнаёрад ба паймони ман[1].

Ҳамон[2] пеши Ковуси кай[3] банда буд,
Зи Кайхусрав андар ҷаҳон зинда буд.

Ба шоҳӣ зи Гуштосп ронад сухан,
Ки ӯ тоҷ нав дораду ман[4] куҳан.

Ба гетӣ туро нест кас ҳамнабард
Зи румиву туриву озодмард[5].

Сӯи Систон рафт бояд кунун,
Ба кор оварӣ ҷангу рангу фусун.

Бараҳна кунӣ теғу кӯполро,
Ба банд оварӣ Рустами Золро.

Завора, Фаромарзро ҳамчунин
Намонӣ, ки кас барнишинад ба зин.

Ба додори гетӣ, ки ӯ дод зӯр,
Фирӯзандаи ахтару моҳу ҳур,

1. ИЛМ – б. 2497 нест.
2. Л – куҷо; ИМ – ҳам ӯ.
3. Л – Ковус ӯ.
4. ИЛМ – мо.
5. ТПЗ – Ҳамоно шунидӣ, ки Лӯҳроспшоҳ
Чу Кайхусраваш дод тахту кулоҳ,
Ҳама зар фишонданд бар тахти оҷ,
Барафшонд ӯ хок бар тахту тоҷ.
Ба овоз гуфт он бади баднишон
Ба наздики он шоҳи гарданкашон.

www.sattor.com

Ба Занду ба Зардушту дини беҳӣ,
Ба Нӯшозару озару фарраҳӣ[1],

Ки чун ин суханҳо ба ҷо оварӣ,
Зи ман нашнавӣ з-он сипас доварӣ.

Супорам туро ганҷу тахту кулоҳ,
Нишонам-т бо тоҷ дар пешгоҳ».

Чунин посух овардаш Исфандёр,
Ки «Эй пурҳунар номвар шаҳрёр,

Ҳаме дур монӣ зи расми куҳан,
Бар андоза бояд, ки ронӣ сухан.

Ту бо шоҳи Чин ҷӯй ҷангу[2] набард,
Аз он номдорон*[3] барангез гард.

Чӣ ҷӯӣ набарди яке марди пир,
Ки Ковус хондӣ варо шергир?

Зи гоҳи Манучеҳр то Кайқубод
Ҳама шаҳри[4] Эрон[5] бад-ӯ буд шод[6].

---

1. Бар он кас ҳаме хок бояд фишонд,
   Ки Лӯҳроспро шоҳ бояд-ш хонд.
   Чу Рустам аз ин гуна гӯяд ҳаме,
   Ба фармону роям напӯяд ҳаме.
   Ниҳонӣ ба дил кина дорад ба мо,
   Шуда пеши худ шоҳи фармонраво.
   Надидӣ чу Арҷосп омад ба Балх,
   Ба мо-бар ҳама комҳо кард талх.
   Зи раҳ бозгардиду н-омад ба ҷанг,
   Ту гуфтӣ, ки аз ман варо буд нанг.
   Зи душман чӣ ояд ҷуз инҳо, бигӯй,
   Чу ин аст оину пиндори ӯй.
   ИЛМ – 2505 нест.
2. Л – ҷанг ҷую.
3. М – Зи Чину зи Халлух.
4. ИМ – буми.
5. Л – Дили шаҳрёрон.
6. Л – пас аз б. 2512 ин б. омада:
   Накӯкортар з-ӯ ба гетӣ касе
   Набудаст, к-овард гетӣ басе.

www.sattor.com

Ҳаме хондандаш худованди Рахш,
Ҷаҳонгиру шеравжану тоҷбахш.

На ӯ дар[1] ҷаҳон номдори[2] нав аст,
Бузург асту бо аҳди Кайхусрав аст.

Агар аҳди шоҳон набошад дуруст,
Набояд зи Гуштосп маншур ҷуст»[3].

Чунин дод посух ба Исфандёр,
Ки «Эй пури гарданкаши[4] номдор[5],

Ҳар он кас, ки аз роҳи Яздон бигашт,
Ҳамон аҳди ӯву ҳамон[6] боди дашт.

Шунидӣ ҳамоно, ки Ковусшоҳ
Ба фармони Иблис гум кард роҳ.

Ҳаме б-осмон шуд ба парри уқоб,
Ба зорӣ ба сорӣ[7] фитод андар об.

Зи Ҳомоварон девзоде бибурд,
Шабистони шоҳӣ мар ӯро супурд.

---

1. Л –андар.
2. Л – номдоре.
3. И – пас аз б. 2512 ин б. омада:

   Ту худ будӣ, эй шоҳ, меҳмони ӯ,
   Ба Рустам ду-се моҳ дар хони ӯ.
   Зи шоҳони Эрон набаргаштааст,
   Агар бандагиро камар бастааст.
   Ки ӯ подшоҳии Лӯҳросп дод,
   Ҳамон Золи Соми Наримоннажод.
   Зи бахри шаҳаншоҳ хӯрданд хок,
   Нишонданд бар тахт бо тоҷ пок.
   Туро шаҳрёрӣ зи Лӯҳроспшоҳ
   Расонид Яздон – худованди моҳ.
   Бар эшон дарафтодани хоки роҳ
   Биҳишт андарояд паи тоҷу гоҳ?
4. ИМ – шердил пурҳунар.
5. Л –б. 2516 нест.
6. Л – ӯ гашт чун.
7. И – зориву хорӣ.

www.sattor.com

Сиёвуш ба озори ӯ кушта шуд,
Ҳама дударо рӯз баргашта шуд.

Касе к-ӯ зи аҳди ҷаҳондор гашт,
Ба пеши дари ӯ нашояд гузашт[1].

Агар тахт хоҳӣ ҳаме бо[2] кулоҳ,
Раҳи Систон гиру баркаш[3] сипоҳ.

Чу он ҷо шавӣ,[4]*[5] дасти Рустам бубанд,
Биёраш ба бозӯ фиканда каманд.

2525 Завора, Фаромарз, Дастони Сом
Набояд, ки созанд пеши ту дом.

Пиёда давоншон бад-ин боргоҳ,
Биёвар ҳаме, то бубинад сипоҳ.

Аз он пас напечад сар аз мо касе,
Агар кому гар ранҷ[6] ёбад басе».

Сипаҳбад бурӯҳо пур аз чин бикард[7],
Бад-ӯ гуфт: «Ту гирди инҳо магард[8].

Туро нест Дастону Рустам ба кор,
Ҳаме чора[9] ҷӯӣ зи Исфандёр.

2530 Дареғ оядат тахти шоҳӣ ҳаме,
Зи гетӣ маро дур хоҳӣ ҳаме.

---

1. Л – пас аз б. 2521 ин б. омада:
   Бад-ӯ гуфт Гуштосп, к-эй номдор,
   Ту чандин баҳона ба пешам маёр.
2. Л – ҳоҳиву ганҷу.
3. Л –гир худ бо.
4. Л –равӣ.
5. М – андар шавӣ.
6. Л – ганҷ, И – тоҷ гар ганҷ.
7. ИЛ – тоб кард.
8. ИЛМ – Ба шоҳи ҷаҳон гуфт, к-аз дин магард.
9. ЛМ – роҳ.

www.sattor.com

Туро бод ин тоҷу тахти меҳон[1],
Маро гӯшае бас бувад дар[2] ҷаҳон.

Валекин*[3] туро ман яке бандаам,
Ба фармону роят сарафкандаам»[4].

Бад-ӯ гуфт Гуштосп:*[5] «Тундӣ макун,
Бузургӣ*[6] биёбӣ, нажандӣ макун.

Зи лашкар гузин кун фаровон савор,
Ҷаҳондидагон аз дари корзор.

2535 Силеҳу сипоҳу дирам пеши туст,
Нажандӣ ба ҷони бадандеши туст.

Чӣ бояд маро бе ту ганҷу сипоҳ
Ҳам ин тахти шоҳиву зарринкулоҳ»?[7]

Чунин посух овардаш[8] Исфандёр,
Ки «Лашкар наёяд маро худ ба кор.

Гар эдун, ки ояд замонам фароз,
Ба лашкар надорад ҷаҳондор боз».

Зи пеши падар бозгашт ӯ ба тоб,
Ҳам аз баҳри тоҷу ҳам аз гуфти боб.

---

1. Л – каён.
2. Л – з-ин.
3. М – Зи лашкар.
4. ТПЗ – Ҳам акнун биронам сӯи Систон
Ба фармонат, эй хусрави кинситон.
Агар бад бувад кори ман, кирдгор
Туро пурсад, эй шоҳ, рӯзи шумор.
Шавам назди Рустам ба кину ситез,
Агар хезад андар ҷаҳон растахез.
5. М – Падар гуфт дар кор.
6. М –Баландӣ
7. ТПЗ – Дили худ ба хира чӣ дорӣ ба печ,
Дирангӣ макун, роҳи Зобул басеч
Чу рафтӣ, ҳама Систонро бисӯз,
Бар эшон шаб овар ба рахшанда рӯз.
8. Л – дод посух ял.

www.sattor.com

Ба айвони хеш андаромад дижам,
Лаби пур зи боду дили пур зи ғам.

ПАНД ДОДАНИ КАТОЮН ИСФАНДЁРРО

Катоюни хуршедрух[1] пур зи хашм,
Ба пеши писар шуд пур аз об чашм.

Чунин гуфт бо фаррух Исфандёр,
Ки «Эй аз ялони ҷаҳон[2] ёдгор,

Зи Баҳман шунидам, ки аз гулситон
Ҳаме рафт хоҳӣ ба Зобулситон.

Бубандӣ ҳаме Рустами Золро,
Худованди шамшеру кӯполро.

Зи гетӣ ҳаме панди модар ниюш,
Ба бад тез маштобу бар бад макӯш!

Саворе, ки бошад ба нерӯи пил
Ба пайкор хор оядаш[3] рӯди Нил.

Бидаррад ҷигаргоҳи деви сапед,
Зи шамшери ӯ гум кунад роҳ[4] шед.

Ҳам ӯ шоҳи Ҳомоваронро бикушт,
Наёраст гуфтан кас ӯро дурушт[5].

1. ИМ – Чу бишнид; дил, Л – Чу бишнид шуд.
2. И – дар ҷаҳон аз ялон.
3. И – Зи хун ронад андар замин.
4. ИЛ – шавад роҳи.
5. ТПЗЛ – Ҳамоно чу Сӯҳроб дигар савор
Набудаст ҷангӣ гаҳи корзор.
Ба пеши падар шуд ба ҳангоми ҷанг,
Ба овардгаҳ кушта шуд бедиранг.*
Ба майдон бияндохт Пӯлодванд
Ки гурдон гирифтӣ ба хамми каманд.
Шунидӣ ҳамоно, к-аз Аквондев
Чи гуна баровард Рустам ғирев?
Чу Комуси ҷангӣ ба хамми каманд
Пиёда гирифту кашидаш ба банд?

www.sattor.com

Ба кини Сиёвуш зи Афросиёб,
Зи хун кард гетӣ чу дарёи об.

Аз он гурд чандон, ки гӯям сухун,
Ҳунарҳош ҳаргиз наёяд ба бун[1].

Мадеҳ аз паи тоҷ сарро ба бод,
Ки бо тоҷ худ кас зи модар назод[2].

Падар пир гаштасту барно туӣ,
Ба зӯру ба мардӣ тавоно туӣ.

Сипаҳ яксара бар ту доранд чашм,
Маяфкан танат дар балоҳо ба хашм.

Ҷуз аз Систон дар ҷаҳон ҷой ҳаст,
Ҷавонӣ макун, тез[3] манмой даст.

Маро хоксори ду гетӣ макун,
Аз ин меҳрубо мом бишнав сухун».[4]

Чунин посух овардаш Исфандёр,
Ки «Эй меҳрубон, ин сухан ёд дор.

Ҳамон аст Рустам, ки донӣ ҳаме,
Ҳунарҳош чун Занд хонӣ ҳаме.

Накӯкортар з-ӯ ба Эрон касе
Наёяд падид, ар*[5] бичӯй басе.

Мар ӯро ба басташ набошад сазо,
Чунин бад на хуб ояд аз подшо[6].

Зи шангул шунидӣ, ки рӯзи набард
Ба ханҷар чӣ гуна баровард гард?

* Л – танҳо ду б. аввал дида шуд.

1. ЛМ – 2550 нест.
2. ТПЗ – Ки нафрин бар ин тахту ин тоҷ бод,
   Бад-ин куштану шӯру тороҷ бод!
3. Л – далерӣ макун тезу.
4. ТПЗ – Ту разми Таҳамтан ба бозӣ мадор,
   Махур бо тану ҷони худ зинҳор.
5. М – наёбӣ дигар худ.
6. Л – б. 2559 нест; 2558, 2559 нест.

www.sattor.com

Валекин набояд шикастан дилам,
Ки чун бишканӣ дил, зи тан бугсилам.

Чӣ гуна кашам сар зи фармони шоҳ,
Чӣ гуна гузорам чунин пешгоҳ?

Маро гар ба Зобул сар ояд замон,
Бад-он сӯ кашад гардиши осмон.[1]*[2]

Чу Рустам сар орад[3] ба фармони ман,
Зи ман нашнавад сард ҳаргиз сухан»[4].

Биборид хун аз мижа модараш,
Ҳама пок барканд мӯй аз сараш.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй жандапили жаён,[5]*[6]
Зи неру ҳаме хор дорӣ*[7] равон.

Басанда набошӣ ту бо пилтан,
Аз эдар марав*[8] бе яке анҷуман.

Мабар пеши пили жаён ҳуши хеш,
Ниҳода бар ин гуна бар дӯши хеш[9].

---

1. Л – ахтарам бегумон.
2. М – Бар он сӯ кашад осмон бегумон
3. И – биёяд.
4. И – пас аз б. 2563 ин б. омада:
   Чу н-ояд бубандам варо ҳарду даст,
   Биёрам ба пеши падар хору паст.
5. Л – Ҳаме хор гирӣ зи неру.
6. М – ҷавон.
7. М –Ҳаме хор гирӣ ба тезӣ.
8. М –машав.
9. ТПЗ – Наёрад сар андар ба паймони ту,
   На ҳаргиз дарояд ба фармони ту.
   Битарсад зи беғораву сарзаниш,
   Ки ӯ беш дорад зи гурдон маниш.
   Зи мардӣ наёрад касеро ба ёд,
   Ба гавҳар зи Ҷамшед дорад нажод.
   Шунидам, ки ӯ пеши Ковуси кай
   Сухан боз нагрифту бардошт пай.
   Ба як пушти даст он гави б-офарин
   Бизад пеши ӯ Тусро бар замин.

www.sattor.com

Агар з-ин нишон коми ту рафтан аст,
Ҳама коми бадгавҳар Оҳарман аст.

Ба дӯзах мабар кӯдаконро ба пой,
Ки доно нахонад туро покрой».

Ба модар чунин гуфт пас ҷангҷӯй,
Ки «Нобурдани кӯдакон нест рӯй.

Чу андар паси парда бошад ҷавон,
Бимонад манишпасту тираравон[1].

Ба ҳар размгаҳ-андар эшон ба кор
Маро бояд, эй модари ҳушёр.

Басе лашкарам худ набояд маро
Ҷуз аз хешу пайванду чанде саро»[2].

ЛАШКАР ОВАРДАНИ ИСФАНДЁР БА ЗОБУЛ

Ба шабгир ҳангоми бонги хурӯс
Зи даргоҳ бархост овои кӯс.

Ба Ковуси кай гуфт: «Ман бартарам,
Ба мардиву шоҳӣ ман андарх(в)арам.
Нишондам бар ин тахт ман Кайқубод,
На аз ки ту бим дорам, на дод».

1. Ба рози ҷавонӣ зи Ковусшоҳ
Чунон сар бупечид дар пешгоҳ.
Пас аз пириву доди мардӣ, ки дод,
Чӣ гуна диҳад номи худро ба бод?
Ту гӯӣ ҳамоно, ки пандаш диҳам,
Ба афсунгарӣ пойбандаш ниҳам.
Ҳар он кас, ки як рӯз зояд ба пеш
Хирадмандӣ ӯро бувад низ беш.
Зи модар сухан дарпазиру марав,
Ба рою хирад панди модар шунав.
ТПЗ – Бувад мард аз баҳри кӯполу гурз,
Ки бифрозад андар ҷаҳон ёлу бурз.

2. И – б. 2572, 2573 нест:
Л – Чу бишнид гуфтори фаррухҷавон,
Дилаш гашт пурдарду тира равон.
Ҳама шаб зи дарди писар модараш
Зи дида буборид хун дар бараш.

www.sattor.com

Чу пиле ба асп андаровард пой,
Биёвард чун бод лашкар зи ҷой.

Ҳаме ронд то пешаш омад ду роҳ
Фурӯ монд бар ҷой шоҳу[1] сипоҳ.

Дижи гунбадон*[2] буд роҳаш яке,
Дигар сӯи Зобул кашид андаке.

Шутур он ки дар пеш будаш,[3] бихуфт,
Ту гуфтӣ ки бо хок гаштаст ҷуфт.

Ҳаме чӯб зад бар сараш сорвон,
Зи рафтан бимонд он замон корвон.

Ҷаҳонҷӯйиро он бад омад ба фол,
Бифармуд, к-аш сар бибурранду ёл.

Бад-он то бад-ӯ боз гардад бадӣ,
Нагардад табаҳ фарраи эзадӣ.

Буриданд гурдон ҳам он ҷо сараш,
Бад-ӯ гашт ҳам дар*[4] замон ахтараш.

Ғамӣ гашт аз он уштур Исфандёр,
Гирифт он замон ахтари шум хор.

Чунин гуфт: «Он кас, ки пирӯз гашт,
Сару бахти ӯ гетиафрӯз гашт.

Бад нек ҳар ду зи Яздон бувад,
Лаби мард бояд, ки хандон бувад».

В-аз он пас[5] биёмад сӯи Ҳирманд,
Ҳаме буд тарсон зи бими газанд.

---

1. ИМ – пилу.
2. - сӯи Гунбадон.
3. Л – рафтӣ.
4. М – Бад-ӯ бозгашт он.
5. ИЛ – ҷо.

www.sattor.com

Бар оин бубастанд пардасарой,
Бузургони лашкар гузиданд[1] ҷой.

Широе бизад шоҳу бинҳод тахт,
Бад-он*[2] тахт шуд ҳар кӣ буд некбахт.

Май оварду ромишгар Исфандёр[3],
Нишаста Башутан бари шаҳрёр[4].

Ба ромиш дили хештан шод кард
Дили[5] родмардон пур аз бод кард.

Чу гул бишкуфид аз маи солх(в)ард
Рухи номдорону шоҳи набард,

Ба ёрон чунин гуфт, к-«Аз рои шоҳ
Бупечидаму дур гаштам зи роҳ.

Маро гуфт бар кори Рустам басеч
Зи банду зи хорӣ маёсой ҳеч.

Накардам, нарафтам ба роҳи падар,
Ки он шердил марди пархошхар

Басе ранҷ дорад ба ҷои сарон,
Ҷаҳон рост кард ӯ ба гурзи гарон.

Ҳама шаҳри Эрон бад-ӯ зиндаанд,
Агар шаҳрёранд, агар бандаанд.

Фиристодае бояд акнун далер,[6]*[7]
Хирадманду бодонишу[8] ёдгир.

1. Л – гирифтанд.
2. М – Бари.
3. Л – ромишгаронро бихонд.
4. Л – Басе зарру гавҳар бар эшон биронд.
5. Л – сари.
6. Л – Фиристода бояд яке тезвир.
7. М – дабир.
8. Л – донандаву.

www.sattor.com

Саворе, ки[1] ояд ба наздики мо,
Кунад равшан ин[2] ҷони*[3] торики мо.

Ба хубӣ*[4] диҳад даст банди маро,
Ба дониш набинад газанди маро,

Нахоҳам ман ӯро ба ҷуз некуӣ,
Агар дур дорад сар аз бадхуӣ».

Башутан бад-ӯ гуфт, к-«Ин аст роҳ,
Бад-ин бошу озори[5] мардон махоҳ»[6].

ФИРИСТОДАНИ ИСФАНДЁР БАҲМАНРО БА НАЗДИ РУСТАМ

Бифармуд, то Баҳман омад ба пеш,
Сухан гуфт бо вай зи андоза беш.

Бад-ӯ гуфт: «Аспи сияҳ барнишин,
Биёрой танро ба дебои Чин.

Бинеҳ бар сарат афсари хусравӣ,
Нигораш ҳама гавҳари паҳлавӣ.

Бад-он сон, ки ҳар кас, ки бинад туро,
Зи гарданкашон баргузинад туро.

Бидонад, ки ҳастӣ ту хусравнажод,
Кунад офаринандаро бар ту ёд.

Бубар панҷ болои зарринситом,
Сарафроз даҳ мӯбади некном.

Ҳам аз роҳ то хони Рустам бирон,
Макун кор бар хештан-бар гарон.

---

1. Л – Агар ӯ худ.
2. Л – Дурахшон кунад; И – дурафшон кунад.
3. М – Дурахшон кунад рои.
4. М – чарбӣ.
5. Л – озарми.
6. И –б. 2602 нест.

www.sattor.com

Дурудаш деҳ аз мову некӣ намой,
Биёрой гуфтору чарбӣ физой.

Бигӯяш, ки ҳар кас, ки гардад баланд,
Ҷаҳон дорадаш аз бадӣ бегазанд,

Зи додор бояд, ки дорад сипос,
Ки ӯяст ҷовид некишинос.

Чу бошад физояндаи*[1] некуӣ,
Ба парҳез дорад дил аз[2]*[3] бадхуӣ.

Бияфзоядаш комгориву ганҷ,
Бувад шодмон дар сарои сипанҷ.

Чу дурӣ гузинад зи кирдори зишт
Биёбад бад-он гетӣ-андар биҳишт.

Баду нек бар мо ҳаме бугзарад,
Чунин донад он кас, ки дорад хирад,

Саранҷом бистар бувад тирахок,
Бипаррад равон сӯи Яздони пок.

Ба гетӣ ҳар он кас, ки Яздон[4] шинохт,
Бикӯшиду бо шаҳрёрон бисохт[5],

Кунун аз ту андоза гирем рост,
Набояд бар ин-бар фузунӣ, на кост,

Ки бугзоштӣ солиён бешумор,
Бидидӣ ба гетӣ басе шаҳрёр

Агар бозҷӯӣ зи роҳи хирад
Бидонӣ, ки чунин на андархурад,

---

1. М – гирояндаи.
2. Л – Бипарҳезад он аз бади.
3. М – Бипарҳезад аз озу аз.
4. ИЛ – некӣ.
5. ТПЗИЛМ – Ҳар* он бар ки корӣ, ҳамон бидравӣ,
Сухан ҳар чӣ гӯӣ, ҳамон бишнавӣ.

* ТПЗ – ҳамон.

www.sattor.com

Ки чандин бузургиву ганҷу сипоҳ
Гаронмоя аспону тахту кулоҳ,

Ҳама аз ниёгони ман ёфтӣ,
Чу дар бандагӣ тез биштофтӣ.

Чӣ моя ҷаҳон дошт Лӯҳроспшоҳ,
Накардӣ гузар сӯи он боргоҳ.

Чу ӯ шаҳрёрӣ ба Гуштосп дод,
Наёмад аз он пас худ аз шоҳ ёд.

Сӯи вай яке нома нанвиштаӣ,
Аз ороиши бандагӣ гаштаӣ.

Нарафтӣ ба даргоҳи ӯ бандавор,
Нахондӣ мар ӯро ҳаме[1] шаҳрёр.

Зи Ҳушангу Ҷамму Фаридуни гурд,
Ки аз тухми Заҳҳок шоҳӣ бибурд,

Ҳаме рав чунин то сари Кайқубод,
Ки тоҷи бузургӣ ба сар барниҳод,

Чу Гуштосп наншаст як шаҳрёр,[2]
Ба разму ба базму ба рою шикор.

Пазируфт покиза дини беҳӣ,
Ниҳон гашт бедодиву бераҳӣ.

Чу рахшанда шуд роҳи кайҳонхидев,
Ниҳон шуд бадомӯзиву роҳи дев,[3]

В-аз он пас чу Арҷосп омад ба ҷанг,
Сипаҳ чун палангону меҳтар наҳанг[4].

1. Л – Ба гетӣ нахоҳӣ касе.
2. ИЛ – номдор.
3. Л – хуршед.
4. Л –б. 2633 нест.

www.sattor.com

Надонист кас лашкарашро шумор,
Пазира шудаш номвар шаҳрёр.

Яке гӯрсон кард аз дашти кин,
Ки ҷое надиданд рӯи замин.

Ҳамоно, ки то растахез ин сухан
Миёни бузургон нагардад куҳан.

Кунун Ховар ӯрост то Бохтар,
Ҳаме бишканад гардани шери[1] нар.

Зи Турон бирав то дари Синду Рум,
Ҷаҳон шуд мар ӯро чу як мӯҳра мум.

Зи дашти саворони найзагузор
Ба даргоҳи ӯ низ чанде савор

Фиристанд аз он шаҳрҳо[2] божу сов,
Ки бо ҷанги ӯ нестшон зӯру тов.

Аз он гуфтам ин бо ту, эй паҳлавон,
Ки ӯ аз ту озурда дорад равон.

Нарафтӣ бад-он номвар боргоҳ,
Накардӣ бад-он номдорон нигоҳ.

Гаронӣ гузидастӣ андар ҷаҳон,
Ҳаме хештан дорӣ андар ҷаҳон,

Фаромуш туро меҳтарон чун кунанд,
Магар мағзи дил пок берун кунанд.

Ҳамеша ҳама некӯӣ сохтӣ[3],
Ба фармони шоҳон сар афрохтӣ[4].

1. ИЛМ – пушти шерони.
2. Л – Фиристодаш аз марзҳо, И – Фиристанд аз ин марзҳо.
3. ИЛ – хостӣ.
4. ИЛ – биёростӣ.

www.sattor.com

Агар баршуморад касе ранҷи ту,
Ба гетӣ фузун ояд аз ганҷи ту.

Зи шоҳон касе бар чунин достон
Зи банда набуданд ҳамдостон.

Маро гуфт Рустам зи бас хоста,
Ҳамон[1] кишвару ганҷи ороста

Ба Зобул нишастасту гаштаст маст,
Нагирад кас аз маст чизе ба*[2] даст.

Чу кор оядаш дурӣ аз размгоҳ,
Набинад маро низ дар базмгоҳ.

Барошуфту як рӯз савганд х(в)ард
Ба рӯзи сапеду шаби лоҷвард,

Ки ӯро ба ҷуз баста дар боргоҳ
Набинад касе з-ин гузида сипоҳ.[3]

Кунун ман аз Эрон бад-ин омадам,
Набуд[4] шоҳдастур, то дам задам.

Бипарҳезу печон шав аз хашми ӯй,
Надидӣ,[5] ки хашм оварад чашми ӯй[6].

Чу эдар биёиву фармон кунӣ,
Равон аз нишастан пушаймон[7] кунӣ,

Ба хуршеду равшан равони Зарир,
Ба ҷони падар-м он гаронмоя шер,

Ки ман з-ин пушаймон кунам шоҳро,
Барафрӯзам ин ахтару моҳро.

1. Л – ҳам аз.
2. М – Наёрад ба ҳар кори ман пеш.
3. Л – аз ин пас ҷаҳондор шоҳ.
4. Л – бибуд.
5. Л – набояд.
6. И – б. 2664 нест.
7. Л – Равонро ба пӯзиш гаравгон.

www.sattor.com

Башутан бар ин-бар гувои ман аст,
Равону хирад раҳнамои ман аст,

Ки ман чанд аз ин ҷустам ороми шоҳ,
Валекин ҳаме аз ту дидам гуноҳ.

Падар шаҳрёр асту ман кеҳтарам,
Зи фармони ӯ як замон нагзарам.

Ҳама дуда акнун*[1] бибояд нишаст,
Задан рою судан бад-ин кор даст.

Завора, Фаромарзу Дастони Сом,
Ҷаҳондида Рӯдобаи некном,

Ҳама панди ман як ба як[2] бишнавед,
Бад-ин хуб гуфтори ман бигравед.

Набояд, ки ин*[3] хона вайрон шавад,
Куноми палангону шерон шавад.

Чу баста туро назди шоҳ оварам,
Бад-ӯ - бар фаровон гуноҳ оварам.

В-аз он пас бибошам ба пешаш ба пой,
Зи хашму зи кин орамаш боз ҷой.

Намонам, ки боде ба ту барвазад,
Бад-он сон, ки аз гавҳари ман сазад».

РАСИДАНИ БАҲМАН БА НАЗДИ ЗОЛ

Суханҳои он номвар пешгоҳ
Чу бишнид Баҳман, биёмад ба роҳ.

Бипӯшид зарбафти шоҳаншаҳӣ,
Ба сар барниҳод он кулоҳи меҳӣ.

1. М – бо ҳам.
2. Л – сар ба сар.
3. М – Набояд, ки-тон.

www.sattor.com

Хиромон биёмад зи пардасарой,
Дурафши дурафшон паси ӯ ба пой.

Ҷаҳонҷӯй бугзашт бар Ҳирманд,
Ҷавоне сарафрозу аспе баланд.

Ҳам андар замон дидбонаш бидид,
Сӯи Зобулистон фиғон баркашид,

Ки омад набарда саворе далер
Ба ҳаррои заррин, сиёҳе ба зер.[1]

Паси пушти ӯ хормоя савор,
Таносон гузашт аз лаби рудвор.

Ҳам андар замон Зол бар зин нишаст,
Каманде ба фитроку гурзе ба даст.

Биёмад чу аз дида[2] ӯро бидид,
Яке боди сард аз ҷигар баркашид.[3]

Чунин гуфт, к-ин номвар паҳлавист,
Сарафроз бо ҷомаи хусравист.

Зи Лӯҳросп дорад ҳамоно нажод,
Паи ӯ бад-ин бум фархунда бод!

Зи дида биёмад ба даргоҳ рафт,
Замоне пурандеша бар зин бикафт.[4]

Ҳам андар замон Баҳман омад падид,
Сар аз чархи гарданда бартар кашид.*[5]

Надонист марди ҷавон Золро,
Барафрохт он хусравӣ ёлро.

1. Л – яке наррашер.
2. ЛМ – ҳамон гаҳ чу.
3. И –б. 2673 -2676 нест.
4. Л – ҳафт.
5. М – В-аз ӯ рояти хусравӣ густарид.

www.sattor.com

Чу наздиктар гашт, овоз дод,
Чунин гуфт, к-«Эй марди деҳқоннажод,

Сари анҷуман[1] пури Дастон куҷост,
Ки дорад замона бад-ӯ пушт рост?

Ки омад ба Зобул ял Исфандёр,
Саропарда зад бар лаби ҷӯйбор».

Бад-ӯ гуфт Зол «Эй писар ком ҷӯй,
Фуруд ою, май хоҳу ором ҷӯй.

Кунун Рустам ояд зи нахчиргоҳ,
Завора, Фаромарзу чандин[2] сипоҳ.

Ту бо ин саворон биё[3] арҷманд,
Биёрой дилро ба бигмоз чанд».

Чунин дод посух, ки «Исфандёр
Нафармудамон ромишу майгусор.

Гузин кун яке марди ҷӯяндароҳ,
Ки бо ман биёяд ба нахчиргоҳ».

Чунин дод посух, ки «Номи ту чист,
Ҳаме бугзарӣ тезкоми ту чист?

Бар онам, ки ту хеши Гуштоспӣ,
Гар аз тухмаи шоҳ Лӯҳроспӣ?»

Бад-ӯ гуфт Баҳман, ки «Ман Баҳманам,
Зи пушти ҷаҳондори рӯинтанам».

Чу бишнид гуфтори ӯ сарфароз,
Фуруд омад аз аспу бурдаш намоз.[4]

1. Л – ростон.
2. ИЛ – чанде.
3. Л – бибош.
4. ТПЗ – Навозиш ба ҳар ҷо бувад дастгир,
Чи аз тезбарно, чи аз марди пир.

www.sattor.com

Бихандид Баҳман, пиёда бибуд,
Бипурсиду ӯ гуфту Баҳман шунуд.[1]

Басе кард хоҳиш, ки эдар биист,
Чунин тезрафтан туро рӯй нест,

Бад-ӯ[2] гуфт: «Пайғоми Исфандёр
Нашояд гирифтан чунин суст хор».

Гузин кард гурде[3] ки донист роҳ,
Фиристод бо ӯ ба нахчиргоҳ.

Ҳаме рафт пеш - андарун раҳнамун,
Ҷаҳондидае номи ӯ Шерхун.

Ба ангушт бинмуд нахчиргоҳ,
Ҳам андар замон бозгашт ӯ зи[4] роҳ.

ПАЙҒОМ ДОДАНИ БАҲМАН РУСТАМРО

Яке кӯҳ буд пеши марди ҷавон
Барангехт он бораи паҳлавон.

Нигаҳ кард аз он пас ба нахчиргоҳ,
Падид омад он паҳлавони[5] сипоҳ.

Яке мард ҳамчун кӯҳи Бесутун
Дарахте гирифта ба чанг-андарун.

---

1. Л – Бипурсид бисёру пӯзиш намуд; И – пас аз б. 2694 ин б. омада:
   Бад-ӯ гуфт Баҳман чӣ доред ном,
   Ту эй пири дида ҷаҳон шодком?
   Бад-ӯ гуфт: «Ман пури Соми савор
   Зи тухми Нарим аз ҷаҳон ёдгор.
   Ҳаме Золро дар канораш гирифт,
   Ҳаме монд з-он бурзу боло шигифт.
   Бад-ӯ гуфт Зол, эй худованди рой,
   Ба тундӣ мазан гом, эдар бипой.
2. Л – Чунин.
3. ИЛ – марде.
4. Л – Нишон доду худ боз паймуд роҳ.
5. Л – Бидид он бари паҳлавони.

www.sattor.com

Яке наррагӯре зада бар дарахт,
Ниҳода бари хеш кӯполу рахт.

Яке ҷоми пурмай ба дасти дигар,
Парастанда бар пой, пешаш писар.

Ҳаме гашт Рахш андар он марғзор,
Дарахту гиё буду ҳам ҷӯйбор.

Чунин гуфт Баҳман, ки «Ин Рустам аст,
Ва ё офтоби сапедадам аст?!

Ба гетӣ касе мард аз инсон надид,
На аз номдорони пешин шунид.

Битарсам, ки бо ӯ ял Исфандёр
Натобад, бупечад сар аз корзор.[1]

Ман ӯро ба як санг беҷон кунам,
Дили Золу Рӯдоба печон кунам».

Яке санг аз он кӯҳи хоро биканд,
Фурӯ ҳишт аз он кӯҳсори баланд.

Зи нахчиргоҳаш Завора бидид,
Ҳам овози он санги хоро шунид.[2]

Хурӯшид, к-«Эй паҳлавони савор,
Яке санг ғалтон шуд аз кӯҳсор.

Начунбид Рустам, набинҳод гӯр,
Завора ҳаме кард аз он гуна шӯр.

Ҳаме буд то санг наздик шуд,
Зи гардаш ҳама кӯҳ торик шуд.

---

1. ТПЗ – Яке рой бояд кунун кард соз,
Ки ӯ дар нишеб асту ман дар фароз.
Аз он пас, ки ояд ба разм - андарун,
Ба майдони кин созамаш сарнагун.
2. И –б. 2708 – 2711 нест.

www.sattor.com

Бизад пошна, санг андохт[1] дур,
Завора бар-ӯ офарин карду сур.[2]

Ғамӣ[3] шуд дили Баҳман аз кори ӯй,[4]
Чу дид он бузургиву дидори ӯй.[5]

Ҳаме гуфт: «Агар фаррух Исфандёр
Кунад бо чунин номвар корзор,

Тани хеш дар ҷанг расво кунад,
Ҳамон беҳ, ки бо ӯ мудоро кунад.

Гар эдун, ки з-ӯ беҳтар омад ба ҷанг,
Ҳама шаҳри Эрон бигирад ба чанг».

Нишаст аз бари бораи бодпой,
Пурандеша аз кӯҳ шуд боз ҷой.

Бигуфт он шигифтӣ ба мӯбад, ки дид
В-аз он роҳи осон сар андаркашид.

Чу омад ба наздики нахчиргоҳ,
Таҳамтан бидидаш ҳамон гаҳ зи роҳ.

Ба мӯбад чунин гуфт, к-он мард кист,
Ман эдун гумонам, ки гуштоспист.

Пазира шудаш бо Завора ба ҳам
Зи нахчир ҳар кас, ки буд бешу кам.

Пиёда шуд аз асп[6] Баҳман чу дуд,
Бипурсидашу некуиҳо намуд.[7]

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «То номи хеш
Нагӯӣ, наёбӣ зи ман коми хеш».

1. Л – биндохт.
2. ИЛ – пур.
3. И – Ғамин.
4. И – ӯ.
5. И – ӯ.
6. Л – бора.
7. И –б. 2725 нест; Л – фузуд.

www.sattor.com

Чунин[1] гуфт: «Ман пури Исфандёр,
Сари ростон Баҳмани номдор».

Варо паҳлавон зуд дар бар гирифт,
Зи дер омадан пӯзиш андаргирифт.

Бирафтанд ҳар ду ба ҷои нишаст,
Худу номдорони меҳтарпараст.

2730 Чу биншаст Баҳман, бидодаш дуруд,
Зи шоҳу зи эрониён барфузуд.[2]

В-аз он пас чунин гуфт, к-«Исфандёр,
Чу оташ бирафт аз дари шаҳрёр.

Саропарда зад бар лаби Ҳирманд,
Ба фармони пирӯз шоҳи баланд.

Паёме расонам зи Исфандёр,
Агар бишнавад паҳлавони савор».[3]

Чунин гуфт Рустам, ки «Фарзанди шоҳ
Биранҷиду з-ин сон бипаймуд роҳ.

2735 Хӯрем, он чӣ дорем чизе нахуст,
Пас он гаҳ ҷаҳон зери фармони туст».[4]

Бигустард бар суфра-бар нони нарм,
Яке гӯрибирён баровард гарм.

Парастанда хон*[5] пеши Баҳман ниҳод,
Таҳамтан[6] суханҳо ҳаме[7] кард ёд.

1. ИМ – Бад-ӯ.
2. Л –ҳар кӣ буд.
3. И –б. 2732, 2733 нест.
4. ТПЗ – Бифармуд, то хон ниҳоданд пеш,
Бад-ин сон, ки ӯ дошт оини хеш.
5. М – Ба дасторхон.
6. ИЛ – гузашта.
7. Л – бар ӯ.

www.sattor.com

Бародар-шро низ бо ӯ нишонд
В-аз он номдорон дигар кас[1] нахонд.[2]

Дигар гӯр бинҳод пеши танаш,[3]
Ки ҳар бор гӯре будӣ хӯрданаш.[4]

Намак барпароканд[5] бибрид х(в)ард,[6]
Назора бар ӯ он сарафроз мард.[7]

Ҳаме хӯрд Баҳман зи гӯр андаке,
Зи Рустам набуд хӯрданаш[8] садяке.

Бихандид Рустам бад-ӯ гуфт: "Шоҳ,
Зи баҳри хуриш дорад ин пешгоҳ.

Хуриш чун бад-ин гуна дорӣ ба хон,
Чӣ сон рафтӣ андар дами[9] Ҳафтхон?

Чӣ гуна занӣ найза дар корзор,
Чу хӯрдан чунин дорӣ, эй шаҳрёр»?

Бад-ӯ гуфт Баҳман, ки «Хусравнажод
Сухангӯю бисёрхора мабод.

Хӯриш кам бувад, кӯшиши ҷанг беш,
Ба каф барниҳад ҳар замон ҷони хеш».

Бихандид Рустам ба овоз гуфт,
Ки «Мардӣ зи мардон нашояд нуҳуфт»[10].

---

1. И – касеро.
2. Л – басеро бихонд, Л – пас аз ин б. ин б. омада:
Завора, Фаромарз чун пили маст,
Ҳамон номдорони яздонпараст.
3. ЛМ – дар пеши хеш.
4. Л – Кучо буд хӯрдаш яке гӯр беш.
5. И – бárарфганду.
6. И – хӯрд.
7. И – гурд.
8. ЛМ – Набуд хӯрданаш пеши ӯ.
9. Л – Чи гуна бар раҳи.
10. И – набошад зи мардон шигифт, пас аз б. 2747 ин б. омада:
Л – Яке ҷоми май хост аз майгусор,
Ки киштӣ накардӣ бар ӯ-бар гузор.

www.sattor.com

Яке ҷоми заррин пур аз бода кард
В-аз ӯ ёди мардони озода кард.

Дигар ҷом бар дасти Баҳман ниҳод,
Ки баргир аз он кас, ки хоҳӣ ту ёд.

Битарсид Баҳман зи ҷоми набид,
Завора нахустин даме даркашид.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй баччаи шаҳрёр,
Зи*[1] ту шод бодо маю майгусор».

Аз ӯ бистад он ҷом Баҳман сабук,
Дилором майхорае буд тунук.

Ҳаме монд аз Рустам ӯ дар[2] шигифт,
Аз он хӯрдану ёлу бозуву кифт.[3]

Нишастанд бар бора ҳарду савор,
Ҳаме ронд Баҳман бари номдор.

Бидодаш якояк ба Рустам паём
Аз Исфандёр он яли некном.[4]

ПОСУХ ДОДАНИ РУСТАМ БАҲМАНРО

Чу бишнид Рустам зи Баҳман сухан,
Пурандеша шуд мағзи марди куҳан.

Чунин гуфт: «Оре, шунидам паём,
Дилам шуд ба дидори ту шодком.

Зи ман посух ин бар ба Исфандёр,
Ки эй шердил меҳтари номдор,

Ҳар он кас, ки дорад равонаш хирад,
Сари мояи корҳо бингарад.

1. М – Ба.
2. ИЛ – андар.
3. ТПЗ – Чу аз хони нахчир бархостанд,
Сабук бораи меҳтарон хостанд.
4. ИЛ – шодком.

www.sattor.com

Чу мардиву пирӯзиву хоста
Варо бошаду ганҷи ороста,

Бузургиву гурдиву номи баланд,
Ба назди гаронмоягон арҷманд,

Ба гетӣ бар ин сон, ки акнун туӣ,
Набояд, ки дорад сарат[1] бадхуӣ.

Бибошем бар доду[2] яздонпараст,
Нагирем дасти бадиро ба даст.

Сухан, ҳар чӣ бар гуфтанаш рӯй нест,
Дарахте бувад, к-аш бару бӯй нест.

Агар ҷони ту биспарад роҳи оз,
Шавад кор бесуд бар ту дароз.

Чу меҳтар сарояд сухан, сахта беҳ,
Зи гуфтори бад ком пардахта беҳ.

Зи гуфтори он кас шудӣ*[3] банда шод,
Ки гуфтӣ, ки чун ӯ зи модар назод.

Ба мардиву фарҳангу[4] рою хирад
Ҳаме бар ниёкони худ бугзарад.

Чу пайдост[5] номат ба Ҳиндустон,
Ба Чину ба Руму ба Ҷодуситон.*[6]

Аз ин пандҳо дорам аз ту сипос,
Ситоиш кунам рӯзу дар шаб се пос.

Зи Яздон ҳаме орзу хостам,
Ки акнун бад-он дил биёростам,

---

1. Л – дилат.
2. Л – ҳамвора.
3. М – будӣ.
4. Л – гурдиву.
5. И – Бадид аст.
6. М – Чунин аст номат ба Барбарситон,
Ба Руму ба Чину ба Ховарситон.

www.sattor.com

Ки бинам писандида чеҳри туро,
Бузургиву мардиву*[1] меҳри туро.

Нишинем як бо дигар шодком,
Ба ёди шаҳаншоҳ гирем ҷом.

Кунун ончи ҷустам ҳама ёфтам,
Ба хоҳишгарӣ*[2] тез биштофтам.

Ба пеши ту оям ҳаме бесипоҳ,
Зи ту бишнавам, он чи фармуд шоҳ.

Биёрам барат аҳди шоҳону дод,
Зи Кайхусрав оғоз то Кайқубод.

Кунун, эй таҳамтан, ту дар кори ман
Нигаҳ кун ба озору кирдори[3] ман.

Бад-он некуиҳо, ки ман кардаам,
Ҳамон ранҷу сахтӣ, ки ман бурдаам,

Парастидани шаҳрёрон ҳамон,
Аз имрӯз то рӯзи пешинзамон.

Чу подоши он ранҷ банд оядам,
Ҳам аз шоҳи Эрон газанд оядам,

Ҳамон беҳ, ки гетӣ набинад касе,
Чу бинад, бад-ӯ - дар намонад басе.

Биёям бигӯям ҳама рози хеш,
Зи гетӣ барафрозам овози хеш.

Гар аз ман гуноҳе биёяд падид,
К-аз он бад сари ман бибояд бурид,

Бубандам ба бозу яке полҳанг,
Пиёда биёям ба чарми паланг.

1. М – гурдиву.
2. М – хоҳиш ҳаме.
3. И – кирдори бисёри.

www.sattor.com

Аз он пас, ки ман гардани жандапил
Шикастам, фикандам ба дарёи Нил,

Суханҳои нохуш зи ман дур дор,
Ба бадҳо дили[1] дев ранҷур дор.

Магӯй он чи ҳаргиз нагуфтаст кас,
Ба мардӣ макун бодро дар қафас.

Бузургон бар оташ наёбанд роҳ,
Ба дарё гузар нест бе ошиноҳ.

Ҳамон тобиши моҳ[2] натвон нуҳуфт,
На рӯбаҳ тавон кард бо шер ҷуфт.

Ту бар роҳи ман - бар ситеза марез,
Ки ман худ яке моям дар ситез.

Надидаст кас банд бар пои ман,
На бигрифт шери жаён ҷои ман.

Ту он кун, ки аз подшоҳӣ*[3] сазост,
Мадор эч бо*[4] дев-бар дасти рост.[5]

Ба ҳарза[6] зи дил дур кун хашму кин,
Ҷаҳонро ба чашми ҷавонӣ мабин.

Ба дил хуррамӣ дору бугзор руд,
Туро бод аз покяздон*[7] дуруд.

Гиромӣ кун ин хонаи мо ба сур,
Мабош аз парастандаи хеш дур.

Чунон чун будам кеҳтари Кайқубод,
Кунун аз ту дорам дилу мағз шод.

---

1. Л – тани.
2. Л – меҳр.
3. М – шаҳрёрон.
4. М – озро.
5. Л – Магард аз паи он, ки он норавост.
6. ИЛМ – мардӣ.
7. М – Ки аз покдодор бодат.

www.sattor.com

Чу ойӣ ба наздики ман бо сипоҳ,
Ҳам эдар бибошӣ ба шодӣ ду моҳ.

Биёсояд аз ранҷ марду сутур,
Дили душманон гардад аз рашк кӯр.

Ҳама дашт нахчиру мурғ андар об,
Агар дер монӣ, бигирад шитоб.

Бубинам зи ту зӯри мардони ҷанг,
Ба шамшер шер афканӣ ё паланг.

Чу хоҳӣ, ки лашкар ба Эрон барӣ,
Ба наздики шоҳи далерон барӣ,

Кушоям дари ганҷҳои куҳун,
Ки эдар фикандам ба шамшер бун.

Ба пеши ту орам ҳама ҳарчи ҳаст,
Кучо*[1] гирд кардам ба нерӯи даст.

Бидор, ончи дориву дигар бубахш,
Макун бар дили мо чунин рӯз пахш.[2]

Чу ҳангоми рафтан фароз оядат,
Ба дидори хусрав ниёз оядат,

Инон аз[3] инонат напечам[4] ба роҳ,
Хиромон биёям ба наздики шоҳ.

Ба пӯзиш кунам нарм хашми варо,
Бибӯсам сару пову чашми варо.

Бипурсам зи бедоди шоҳи баланд,
Ки дастам чаро кард бояд ба банд.

1. М – Ки ман.
2. ТПЗЛ – Дирам деҳ сипаҳрову тундӣ макун,
Чу хушши биёбӣ, нажандӣ макун.
3. Л – бо.
4. Л – бубандам.

www.sattor.com

Ҳама ҳар чи гуфтам кунун ёд дор,
Бигӯ пеши пурмоя Исфандёр».

БОЗГАШТАНИ БАҲМАН

Зи Рустам чу бишнид Баҳман, бирафт[1],
Ҳаме ронд бо мӯбади пок тафт.[2]

Таҳамтан замоне ба раҳ-бар бимонд,
Завора, Фаромарзро пеш хонд,

К-«Аз эдар бар наздики Дастон шавед,
Ба назди маҳи Зобулистон шавед.

Бигӯед, к-Исфандёр омадаст,
Ҷаҳонро яке хостор омадаст.

Ба айвонҳо тахти заррин ниҳед,
Ба вай[3] ҷомаи хусравоин ниҳед.

Чунон ҳам чу ҳангоми Ковусшоҳ
В-аз ӯ низ пурмоятар боргоҳ

Бисозед чизе ки шояд х(в)ариш
Набояд, ки кам бошад аз[4] парвариш,

Ки наздики мо пури шоҳ омадаст,
Пур аз кинаву размгоҳ омадаст.

Гави номдор асту шоҳи[5] далер,
Наандешад аз ҷанги як дашт шер.

Шавам пеши ӯ, гар пазирад навид,
Ба некӣ бувад ҳар касеро умед.

1. Л – сухан.
2. Л – Равон гашт бо мӯбади поктан.
3. Л – бад-ӯ.
4. Л – хӯришҳои хуб аз паи.
5. Л – шере.

www.sattor.com

Агар некуӣ бинам андар сараш,
Зи ёқути сурх[1] оварам афсараш.

Надорам аз ӯ ганҷу гавҳар дареғ,
На баргустувону на кӯполу теғ.

В-агар боз гардонадам ноумед,
Набошад маро рӯз бо ӯ сапед,

Ту донӣ, ки ин тобдода каманд
Сари жандапилон дарорад[2] ба банд».

Завора бад-ӯ гуфт: «Мандеш аз ин,
Наҷӯяд касе разм, к-аш нест кин.

Надодам ба гетӣ яке шаҳрёр
Ба рою ба мардӣ чу Исфандёр.

Наёяд зи марди хирад кори бад,
Надид ӯ зи мо ҳеч кирдори бад».

Завора биёмад ба наздики Зол
В-аз он рӯй Рустам барафрӯхт ёл.

Биёмад дамон то лаби Ҳирманд,
Сараш хира гашта зи бими газанд.

Инонро гарон кард дар пеши рӯд,
Ҳаме буд то Баҳман орад[3] дуруд.

Чу Баҳман биёмад ба пардасарой,
Ҳаме буд пеши падар-бар ба пой.

Бипурсид аз ӯ фаррух Исфандёр,
Ки «Посух чӣ додат гави номдор?»*[4]

1. ИЛМ – ёқуту зар.
2. ИМ – жандапил андарорад.
3. Л – Ҳамедод бар покяздон.
4. М – Чӣ бишнидӣ аз паҳлавони савор?

www.sattor.com

Чу бишнид, биншаст пеши падар,
Бигуфт он чи бишнид аз ӯ дар ба дар.[1]

Нахустин дурудаш зи Рустам бидод,
Зи пайғому посух ҳаме кард ёд.

Ҳама дида пеши падар боз гуфт,
Ҳамон низ нодида андар нуҳуфт.

Бад-ӯ гуфт: «Чун Рустами пилтан
Набинам*[2] касе низ дар анҷуман.

Дили шер дорад, тани жандапил,
Наҳангон барорад зи дарёи Нил.

Биёмад кунун то лаби Ҳирманд,
На ҷавшан, на хӯду на гурзу каманд.

Ба дидори шоҳ омадасташ ниёз,
Надонам чӣ дорад ба дил[3] бо ту роз».

Зи Баҳман барошуфт Исфандёр,
Варо бар сари анҷуман кард хор.

Бад-ӯ гуфт, к-«Аз мардуми сарфароз
Назебад, ки бо зан нишинад ба роз.

Дигар кӯдаконро[4] ба коре бузург,
Фиристад, набошад далеру сутург.

Ту гарданкашонро[5] куҷо дидаӣ,
Ки бонги паи асп*[6] нашнидаӣ,[7]

---

1. Л – пас аз б. 2837 ин б. омада:
   Забон баркушод он далери ҷавон
   Зи гуфтору кирдори он паҳлавон.
2. М – Набинад.
3. Л – ҳаме.
4. Л – кӯдакеро.
5. Л – шери жиёнро.
6. М – овози рӯбоҳ.
7. Л – Ки Рустам ба мардӣ писандидаӣ.

www.sattor.com

Ки Рустам ҳаме пили ҷангӣ кунӣ,
Дили номвар анҷуман бишканӣ».

Чунин гуфт пас бо Башутан ба роз,
Ки «Он шери ҷанговари сарфароз,

Ҷавоне ҳаме созад аз хештан
Зи солаш наёяд ҳамоно шикан».

РАСИДАНИ РУСТАМ ВА ИСФАНДЁР БО ЯКДИГАР

Бифармуд, к-аспи сияҳ зин кунанд, *[1]
Ба болош-бар[2] зини заррин кунанд.*[3]

Пас аз лашкари номвар сад савор
Бирафтанд бо фаррух Исфандёр.[4]

Аз он сӯ хурӯше баровард Рахш
В-аз ин сӯй аспи яли тоҷбахш.

Таҳматан зи Рахш андаромад фуруд,
Пиёда ҳаме дод ялро дуруд.

Пас аз офарин гуфт, к-«Аз як Худой
Ҳаме хостам, то бувад раҳнамой,

Ки ту бо бузургон дар ин[5] ҷойгоҳ
Чунин тандуруст омадӣ бо сипоҳ.

Нишинему гуфтори фаррух ниҳем
В-аз он пас яке хуб посух диҳем.

Чунин дон, ки Яздон гувои ман аст,
Хирад з-ин сухан раҳнамои ман аст,

---

1. М – кунед.
2. ИЛМ – болои ӯ.
3. М – кунед.
4. ТПЗИЛМ – Биёмад дамон то лаби Ҳирманд
Ба фитрок - бар карда печон каманд.
5. Л – бо номдорон бад-ин.

www.sattor.com

Ки ман з-ин суханҳо нагирам фурӯғ,
Нагардам ба ҳар ҷой[1] гирди дурӯғ,

Ки рӯи Сиёвуш агар дидаме,
Бад-он тозарӯӣ нагардидаме.

Намонӣ ҳаме чуз Сиёвахшро,
Мар он тоҷдори ҷаҳонбахшро.

Хунук шоҳ, к-ӯ чун ту дорад писар,
Ба болову чеҳрат[2] бинозад падар.

Хунук шаҳри Эрон, ки тахти туро
Парастанду бедор бахти туро!

Дижамбахт он, к-аз ту ҷӯяд[3] набард,
Зи бахту[4] зи тахт андарояд ба гард.

Ҳама душманон аз ту пурбим бод,
Дили бадсиголат ба ду ним бод!

Ҳамасола бахти ту пирӯз бод
Шабони сияҳ бар ту чун рӯз бод!»

Чу бишнид гуфтораш Исфандёр,
Фаруд омад аз бораи шоҳвор.[5]

Тани пилвораш*[6] ба бар даргирифт,
Фаровон бар ӯ*[7] офарин баргирифт,

Ки «Яздон сипос, эй ҷаҳонпаҳлавон,
Ки дидам туро шоду равшанравон.

Сазовор бошад ситудан туро,
Ялони ҷаҳон хок будан туро.

---

1. Л – кор.
2. ИЛ – фарат.
3. И – кас, ки бо ту.
4. ИМ – Бичӯяд.
5. Л – роҳвор; ИМ – номдор.
6. М – Чу хушнуд шуд.
7. М – Бидидам.

www.sattor.com

Хунук он ки чун ту писар бошадаш,
Яке шох бинад, ки бар бошадаш!

Хунук он ки бошад варо чун ту пушт
Бувад эмин аз рӯзгори дурушт.[1]

Чу дидам*[2] туро ёдам омад Зарир
Сипаҳдори аспафкани наррашер»,[3]

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Эй паҳлавон,
Ҷаҳондору*[4] бедору равшанравон,

Яке орзу дорам, эй шаҳрёр,[5]
Ки бошам бад-он орзу комгор,

Ки ой хиромон сӯи хони ман,
Ба дидор равшан кунӣ ҷони ман.

Сазои ту гар нест, чизе ки ҳаст,
Бикӯшему бо он бисоем даст».

Чунин посух овардаш Исфандёр,
Ки «Эй аз ялони ҷаҳон ёдгор,

Ҳар он кас, ки ӯ чун ту бошад ба ном,
Бад-ӯ шаҳри Эрон бувад*[6] шодком.

Нашояд гузар кардан аз рои ӯй,
Гузашт аз бару бум в-аз ҷои ӯй.

Валекин зи фармони шоҳи ҷаҳон,
Напечам равон ошкору ниҳон.

---

1. ИЛ – пас аз б. 2872 ин б. омада:
   Хунук Зол, к-аш бугзарад рӯзгор,
   Ба гетӣ бимонад туро ёдгор.
2. М – Хирадманду.
3. Л – шергир.
4. М – Хирадманду.
5. ЛМ – аз номдор.
6. М – Ҳама шаҳри Эрон бад-ӯ.

www.sattor.com

Ба Зобул нафармуд моро диранг,
На бо номдорони ин бум*[1] ҷанг.

Ту он кун, ки бар ёбӣ аз рӯзгор,
Бар он рав, ки фармон диҳад шаҳрёр.[2]

Ту худ банд бар пой неҳ бе диранг,
Набошад зи банди шаҳаншоҳ нанг.

Туро чун барам баста наздики шоҳ,
Саросар бад-ӯ бозгардад гуноҳ.

Аз ин бастанат ман равон[3] хастаам,
Ба пеши ту - андар камар бастаам.

Намонам, ки то шаб бимонӣ ба банд,
На бар ҷонат ояд зи чизе газанд.

Ҳаме бадгумонӣ ту,*[4] эй паҳлавон,
Бадӣ н-ояд аз шоҳ худ бегумон.

Маро шоҳ гуфтаст, к-ин тахти оҷ
Туро дод хоҳам або ганҷу тоҷ.[5]

Аз он пас чу[6] ман тоҷ бар сар ниҳам,
Ҷаҳонро ба дасти ту - андар ниҳам.

Ба наздики додор бошад гуноҳ,
На шарм оядам низ аз рӯи шоҳ.

В-агар боз гардӣ ба Зобулситон,
Ба ҳангоми бишкуфани гулситон,

Биёбӣ ту чандон зи ман хоста,
Ки гардад бару бумат ороста».

1. М – он марз.
2. И –б. 2883 нест.
3. Л – он бастагӣ ман ҷигар.
4. М – Ҳамон хубӣ ангор.
5. ИЛМ – б. 2889 нест.
6. ИЛ – ки.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Эй номдор,
Ҳаме ҷустам аз довари кирдгор,*[1]

Ки хуррам кунам дил ба дидори ту
Кунун чун шунидем*[2] гуфтори ту,

Ду гарданфарозем пиру ҷавон,
Хирадманду бедор ду*[3] паҳлавон.

Битарсам, ки чашми бад ояд ҳаме,
Сар аз хоби хуш баргирояд ҳаме.

Ҳаме ёбад андар миён дев роҳ,
Дилат каж кунад аз паи тоҷу гоҳ.

Яке нанг бошад маро з-ин сухан,
Ки то ҷовидон он нагардад куҳан.

Ки чун ту сипаҳбаднажоде,[4] саре,*[5]
Сарафроз шереву кундоваре,

Наёӣ замоне ту дар*[6] хони ман,
Набошӣ бар ин марз меҳмони ман.

Гар ин кина аз мағз берун кунӣ,
Бикӯшиву бар дев афсун кунӣ,

Зи дидорат ороиши*[7] ҷон кунам,
Зи ман ҳар чӣ хоҳӣ ту, фармон кунам,

Магар банд, к-аз банд орӣ бувад,
Шикасте бувад, зишт коре бувад.

1. М – комгор.
2. М – шавам шодмона ба.
3. М – сипаҳбад саре, афсаре.
4. Л – сипаҳбад гузида.
5. М – Ба шодӣ наёӣ сӯи.
6. М – бедордил.
7. М – гуфтори ту ромиши.

www.sattor.com

Набинад маро зинда бо банд кас,
Ки равшан равонам бар ин аст бас».[1]

Ба посух чунин гуфт Исфандёр,
Ки «Эй аз гавони ҷаҳон ёдгор,

Ҳама рост гуфтӣ, нагуфтӣ дурӯғ,
Зи каҷӣ нагиранд мардон фурӯғ.

Валекин Башутан шиносад, ки шоҳ
Чӣ фармуд, чун ман бирафтам ба роҳ.

Маро гуфт, бар кори Рустам басеч
Ба ҷуз банду размаш нахоҳӣ ту ҳеч.[2]

Гар акнун биёям сӯи хони ту
Бувам шоду пирӯз меҳмони ту,

Чу гардан бупечӣ зи фармони шоҳ,
Маро тобиши рӯз гардад табоҳ.

Яке он ки ман бо ту ҷанг оварам,
Ба пархош хӯи паланг оварам.

Фаромӯш кунам меҳри*[3] нону намак,
Зи покинажод андароям ба шак.

В-агар сар бупечам зи фармони шоҳ,
Бад-он гетӣ оташ бувад ҷойгоҳ.[4]

Туро орзу гар чунин омадаст,
Як имрӯз бо май бисоем даст.

Кӣ донад, ки фардо чӣ хоҳад будан,
Бар ин достонҳо набояд задан».

---

1. ТПЗ – Маро сар ниҳон гар шавад зери санг,
Аз он беҳ, ки номам барояд ба нанг.
2. ИЛМ – б. 2909 нест.
3. М – ҳаққи.
4. Л – б. 2914 нест.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Эдун кунам,
Шавам, ҷомаи роҳ берун кунам.

Ба як ҳафта нахчир кардам ҳаме,
Ба ҷои бара гӯр х(в)ардам ҳаме.

Ба ҳангоми хӯрдан маро бозхон,
Ту бо дудаи хеш биншин ба хон».

В-аз он ҷойгаҳ Рахшро барнишаст,
Дили хастаро андар андеша баст.

Биёмад давон,*[1] то ба айвон расид,
Рухи Золи Соми Наримон бидид.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй меҳтари номдор,
Расидам ба наздики Исфандёр.

Савореш дидам чу сарви саҳӣ,
Хирадманд бо зебу бо фарраҳӣ.

Ту гӯӣ,[2] ки шоҳ Офаридуни гурд
Бузургиву доноӣ ӯро супурд.

Ба дидан фузун омад аз огаҳӣ,
Ҳаме тофт з-ӯ фарри шоҳаншаҳӣ».

НАХОНДАНИ ИСФАНДЁР РУСТАМРО БА МЕҲМОНӢ

Чу Рустам бирафт аз лаби Ҳирманд,
Пурандеша шуд номдори баланд.

Башутан, ки буд шоҳро раҳнамой,
Ҳамон гаҳ биёмад ба пардасарой.

Чунин гуфт бо вай ял Исфандёр,
Ки «Коре гирифтем душвор[3] хор.

---

1. М – дамон.
2. ЛМ – гуфтӣ.
3. И – душвору.

www.sattor.com

Ба айвони Рустам маро кор нест,
Варо назди ман низ дидор нест.

Ҳамон гар наёяд, нахонам-ш низ,
Гар аз мо пур ояд якеро қафиз.

Дили зинда аз кушта бирён шавад,
Сар аз ошноиш гирён шавад».

Башутан бад-ӯ гуфт, к-«Эй номдор,
Бародар кӣ дорад*[1] чу Исфандёр?

Ба Яздон, ки дидам шуморо нахуст,
Ки як номвар бо дигар кин наҷуст.

Дилам гашт аз он кор чун навбаҳор[2],
Ҳам аз Рустаму ҳам зи Исфандёр.

Чу дар коратон жарф кардам[3] нигоҳ,
Бубандад ҳаме бар хирад дев роҳ.

Ту огоҳӣ аз кори дину ҳунар,
Зи фармони Яздону рои падар,

Бипарҳезу бо ҷон ситеза макун,
Ниюшанда бош аз бародар сухун.

Шунидам ҳама, ҳар чӣ Рустам бигуфт,
Бузургиш бо мардумӣ буд ҷуфт.

Насояд ду пои варо банди ту,
Наадешад аз фарру авранди ту.

Савори ҷаҳон пури Дастони Сом,
Ба бозӣ сар андарнаёрад ба дом.[4]

---

1. М – ёбад.
2. И – ҳамчун баҳор.
3. И – кардам акнун.
4. Л – пас аз б. 2940 ин б. омада:

Чун ӯ паҳлавоне зи гарданкашон
Надодаст донои гетӣ нишон.

www.sattor.com

Битарсам, ки ин кор гардад дароз
Ба зиштӣ миёни ду гарданфароз.

Бузургиву аз шоҳ донотарӣ,
Ба ҷангу ба мардӣ тавонотарӣ.

Яке базм ҷӯяд, дигар разму кин,
Нигаҳ кун, ки то кист боофарин».

Чунин дод посух бад-ӯ*[1] номдор,
Ки «Гар сар бупечам ман аз шаҳрёр,

Маро худ ба гетӣ накӯҳиш бувад,
Ҳамон пеши Яздон пижӯҳиш бувад.

Касе чашму дилро ба сӯзан надӯхт»,
Ду гетӣ ба Рустам нахоҳад фурӯхт.

Тани поку ҷони туро судманд,
Бад-ӯ гуфт: «Ҳар чиз, к-ояд зи панд,

Ҳама гуфтам акнун, беҳӣ баргузин*[2]
Дили шаҳрёрон наёрад ба кин».

Сипаҳбад зи холигарон хост хон,
Касеро нагуфташ, ки Рустам*[3] бихон.

Чу нон хӯрда шуд, ҷоми май баргирифт,*[4]
Зи Рӯиндиж андоза андаргирифт.[5]*[6]

Чӣ гуна тавон кард пояш ба банд,
Макун он, ки Яздон надорад писанд
Суханҳои (нозеби) нодилпазир
Сазад, гар нагӯяд яли шергир.

1. М – варо.
2. М – Туро гуфтам, акнун туӣ беҳгузин.
3. М – нафармуд, кӯро.
4. М – майро бихост.
5. Л – он гаҳ сухан дар гирифт.
6. М – Он гаҳ сухан кард рост.

www.sattor.com

В-аз он мардумӣ худ ҳаме ёд кард,
Ба ёди шаҳаншаҳ ҳаме бода х(в)ард.[1]

Ҳаме буд Рустам ба айвони хеш,
Зи хӯрдан нигаҳ дошт паймони хеш.

Чу дере баромад, наёмад касе,
Нигаҳ кард Рустам ба раҳ-бар басе.[2]

Чу ҳангоми нонхӯрдан*[3] андаргузашт,
Зи мағзи далер об бартар гузашт.

Бихандиду гуфт: «Эй бародар ту хон
Биёрою озодагонро бихон.

Гар ин аст оини Исфандёр,
Ки ин[4] кори моро гирифтаст хор,

Ки меҳмон кунадмон, наёрад навид,
Ба некӣ мадоред аз вай умед».*[5]

Бигуфт ину пас хон биёростанд,
Бихӯрданд нонрову бархостанд.

Чу бархост аз ҷо гави паҳлавон,
Фаромарзро гуфт андар замон:[6]

«Бифармой, то Рахшро зин кунанд,
Ҳамон зин ба ороиши Чин кунанд.

Шавам, бозгӯям ба Исфандёр,
Ки гар шоҳзодӣ, сухан ёд дор,

---

1. И – б. 2951 нест;
   ЛМ – Ба ёди шаҳаншоҳ май хӯрд шод,
   Аз он номдорон ҳаме кард ёд.
2. И – б. 2953 нест.
3. М – ҳангоми хӯрдан.
4. И – ӯ.
5. М – б. 2956, 2957 нест.
6. ИЛ – б. 2957 – 2959 нест.

www.sattor.com

Ки ҳар, к-ӯ зи гуфти худ андаргузашт,
Раҳи родмардӣ зи худ дарнавашт».[1]

ПӮЗИШ КАРДАНИ ИСФАНДЁР АЗ НОХОНДАНИ РУСТАМ БА МЕҲМОНӢ

Нишаст аз бари Рахш бар сони пил
Хурӯшидани асп шуд бар ду мил.

Биёмад дамон то ба наздики об,
Сипаҳро ба дидори ӯ буд шитоб.

Ҳар он кас, ки аз лашкар ӯро бидид,
Дилаш меҳри пайванди ӯ баргузид.

Ҳаме гуфт ҳар он кас, ки ин номдор
Намонад ба кас ҷуз ба Соми савор.

Бар он кӯҳаи зин кӯҳи оҳан аст,
Ҳамон Рахш гӯӣ, ки Оҳарман аст.

Агар ҳамнабардаш бувад жандапил,
Барафшон ту бар[2] тораки пил Нил.

Хирад нест андар сари шаҳрёр,
Ки бофарру гурде[3] чу Исфандёр

Бад-ин сон ҳаме аз паи тоҷу гоҳ
Ба куштан диҳад номдоре чу моҳ.

Ба пирӣ сӯи ганҷ тозонтар аст,
Ба меҳру ба дайҳим нозонтар аст.

Чу омад ба наздики Исфандёр,
Ҳамон гаҳ пазира шудаш номдор.

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Эй паҳлавон,
Навоину навсозу фаррух ҷавон,

1. ИМ – б. 2961, 2962 нест; Л – б. 2962 нест.
2. Л – барафшонад аз.
3. Л – К-аз ин гуна шоҳе.

www.sattor.com

Хироме наярзид меҳмони ту,
Чунин буд то буд паймони ту?

Сухан ҳар чи гӯям, зи ман[1] ёд гир,
Машав тез бо пир бар хира-хир.

Ҳаме хештан бас бузург оядат,
В-аз ин номдорон сутург оядат.

Ҳамоно ба мардӣ сабук дориям,
Ба рою ба дониш тунук дориям.

Ба гетӣ чунон дон, ки Рустам манам,
Фурӯзандаи тухми[2] Найрам манам.

Бихояд зи ман даст[3] деви сиёҳ,[4]
Сари ҷодувон андарорам ба чоҳ.[5]

Бузургон, ки диданд кабри[6] маро,
Ҳам ин шери ғуррон, ҳизабри[7] маро,

Ҳама ҷанг нокарда бугрехтанд,
Ҳама дашт тиру камон рехтанд.[8]

Чу Комуси ҷангиву Хоқони Чин,
Саворони ҷангиву[9] мардони кин,

Ки аз пушти зиншон*[10] ба хамми каманд
Рабудам, саропой кардам ба банд.

Нигаҳдори шоҳони Эрон манам,
Ба ҳар ҷой пушти далерон манам.

1. Л – ҳама.
2. ИЛМ – тахти.
3. Л – чанг.
4. Л – сапед.
5. Л – Дили ҷодувонро кунам ноумед.
6. Л – бурзи.
7. Л – Бару бораву теғу гурзи.
8. ИЛ – б. 2981 нест.
9. Л – савори дирангеву.
10. М – аспон.

www.sattor.com

Аз ин хоҳиши ман машав дар гумон,
Мадон хештан бартар аз осмон.[1]

Ман аз баҳри ин фарру авранди ту
Биҷӯям ҳаме рою пайванди ту.

Нахоҳам, ки чун ту яке шаҳрёр[2]
Табаҳ гардад аз ҷанги ман рӯзгор,

Ки ман Соми ялро бихонам далер,
К-аз ӯ беша бугзоштӣ наррашер.

Ба гетӣ манам з-ӯ кунун ёдгор,
Аё шоҳзода, ял Исфандёр.*[3]

Басе паҳлавони ҷаҳон будаам,
Ба бад рӯз ҳаргиз напаймудаам.

Зи душман ҷаҳон пок ман кардаам,
Басе ранҷу сахтӣ, ки[4] ман х(в)ардаам.[5]

Сипосам зи Яздон, ки бугзашт сол,
Бидидам яке шоҳи фаррух ҳамол,

Ки кин хоҳад аз марди нопокдин,
Ҷаҳоне бар ӯ бар кунанд офарин».

Бихандид бар Рустам Исфандёр,
Чунин гуфт, к-«Эй пури Соми савор,

Шудӣ тангдил чун наёмад хиром?
Биҷустам ҳаме з-ин сухан кому ном.

Чунин гарм буд рӯзу роҳи дароз,
Накардам туро ранҷа, тундӣ масоз.

---

1. Л – пас аз б. 2985 ин б. омада:
   Агар чарх бо ман бувад сахткӯш,
   Ба гурзи гаронаш бимолам ду гӯш.
2. ИМ – номдор.
3. М – Наёяд ба пешам хузарб ошкор.
4. ИЛМ – тимор.
5. ИМ – бурдаам.

www.sattor.com

Ҳаме гуфтам аз бомдоди пагоҳ
Ба пӯзиш биёям бари ту ба роҳ.

Ба дидори Дастон шавам шодмон,
Ҳаме шод дорам равон як замон.

Кунун худ ту ин*[1] ранҷ бардоштӣ,
Ба дашт омадӣ, хона бугзоштӣ.

Биёрому биншину бардор ҷом,
Зи тундиву тезӣ мабар ҳеч ном».

Ба дасти чапи хеш-бар ҷой кард,
Зи Рустам ҳаме маҷлис орой кард.

Ҷаҳондида гуфт: «Ин на ҷои ман аст,
Ба ҷое нишинам, ки рои ман аст».

Ба Баҳман чунин гуфт:*[2] «Бар дасти рост
Биёрой ҷояш бад-он сон,*[3] ки хост.[4]

Чунин гуфт бо шоҳзода ба хашм,
Ту неку*[5] маро[6] бину букшой чашм.[7]

Ҳунар бину ин номвар гавҳарам,
Ки аз тухмаи Соми кундоварам.[8]

---

1. М – Ту акнун чунин.
2. М – Бифармуд меҳтар, ки.
3. М – Нишастан биёрой з-он сон.
4. ТПЗ – Ба по хост он гоҳ Баҳман дижам,
Бар абру бароварда аз кина хам.
Чу Рустам варо дид, з-он гуна тез,
Барошуфт з-он пас ба хашму ситез.
5. М – ки бурзи.
6. Л – Ки оини ман.
7. ТПЗ – Надонӣ ту, эй пури шоҳи гавон,
Ки ман Рустамам дар ҷаҳон паҳлавон.
8. ТПЗЛ – Ҳамон Сом аз тухми Ҷамшед буд,
Намоянда чун моҳу хуршед буд.
ИЛ – пас аз б. ин б. омада:
Ҳунар бояд аз мард, фарру нажод
Кафе род дорам, диле пур зи дод.

www.sattor.com

Сазовори ман гар туро нест ҷой,
Маро ҳаст пирӯзиву фарру[1] рой».[2]

Аз он пас ба фарзанд фармуд шоҳ,
Ки курсии заррин ниҳад пеши гоҳ.[3]

Биёмад бар он курсии зар нишаст,
Пур аз хашму бӯё турунҷе ба даст.

НАКӮҲИШ КАРДАНИ ИСФАНДЁР НАЖОДИ РУСТАМРО

Чунин гуфт бо Рустам Исфандёр,
Ки «Эй шердил меҳтари номдор,

Ман эдун шунидастам аз мӯбадон,
Бузургону бедордил бихрадон,

Ки Дастони бадгавҳар аз дев зод,
Ба гетӣ фузун з-ин надорад нажод.[4]

Фаровон зи Сомаш ниҳон доштанд,
Варо[5] растахези ҷаҳон доштанд.

1. Л – ному.
2. И –б. 3006 нест.
ТПЗ – Қубоду Сиёвушу Ковуси кай,
Ҷаҳонгир Кайхусрави некпай
Маро менишонданд паҳлӯи х(в)ад
Чунон чун ҷаҳонпаҳлавонро сазад.
3. ТПЗ – Бад ӯ гуфт биншин ба дил шодком,
Сазовор ҷои ту бодо мудом.
4. И – пас аз б. 3011 ин б. омада:
Парастандае буд ба мушкӯи Сом,
Ки рондӣ бад ӯ гаҳ-гаҳе Сом ком.
Шунидам чу Дастон зи модар бизод,
Баромад ҳама коми Эрон ба бод.
Кӣ чун ӯ зи модар ҷудо шуд ба фол
Ҷаҳон сар ба сар гашт пур қилу қол.
Зи зодан чу модар-ш пардахта шуд,
Равонаш аз он дев пардахта шуд.
5. ИМ – ҳаме.

www.sattor.com

Танаш тираву рӯю мӯяш сапед,
Чу дидаш, дили Сом шуд ноумед.

Бифармуд, то пеши дарё баранд,
Магар мурғу моҳӣ варо бишкаранд.

Биёмад, бигустард Симурғ пар,
Надид андар ӯ ҳеч оину фар.

Бибурдаш ба ҷое, ки будаш куном,
Зи бурдан мар ӯро хуриш буд ком.*[1]

Бари баччагонаш бияндохт хор,
Ки гоҳи хӯриш з-ӯ гузоранд кор.

Ба хӯрдан чу карданд сӯяш басеч,
Рамиданд аз вай, нахӯрданд ҳеч.

Мар ӯро чунон хор бугзоштанд
В-аз ӯ рӯй якбора баргоштанд.[2]

Агарчанд Симурғ ноҳор буд,
Тани Зол пеш-андараш хор буд.[3]

Раҳо кард вайро ба пеши куном,
Ба дидори ӯ кас набуд шодком.

Ҳаме хӯрд афканда мурдор ӯй,
Зи ҷома бараҳна тани хор ӯй.

Барафканд Симурғ бар Зол меҳр,
Бар ӯ гашт аз ин гуна чанде сипеҳр.

Аз он пас, ки мурдор чанде чашид,
Бараҳна сӯи Систонаш кашид.

Пазируфт Сомаш зи бебаччагӣ,
Зи нодониву пириву ғарчагӣ.

1. М – Ба дидори ӯ кас набуд шодком.
2. Л – 3017 – 3019 нест.
3. ИМ – б. 3017 – 3020 нест.

www.sattor.com

Хуҷаста бузургону шоҳони ман
Ниёи ману[1] некхоҳони ман,

Варо баркашиданду доданд чиз,
Фаровон бар ӯ сол бугзашт низ.

Яке сарв, буд нобисуда сараш,
Чу бо шоҳ шуд, Рустам омад бараш.

Зи мардиву фарҳангу[2] дидори ӯй
Ба гардун баромад чунин кори ӯй.

Бар ин гуна - бар подшоӣ гирифт,
Биболиду нопорсоӣ гирифт».[3]

ПОСУХИ РУСТАМ БА ИСФАНДЁР ВА СИТОИШИ НАЖОД ВА КИРДОРИ ХУД

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Ором гир,
Чӣ гӯӣ суханҳои нодилпазир?

Дилат сӯи кажжӣ биболад ҳаме,
Равонат зи девон бинолад ҳаме.

Ту он гӯй, к-аз подшоҳон сазост,
Нагӯяд сухан шоҳ ҷуз роҳи рост.

Ҷаҳондор донад, ки Дастони Сом
Бузург асту бодонишу некном.

Ҳам он Сом пури Наримон будаст,
Наримони гурд аз каримон будаст.

Чунон то ба Гаршосп доранд зод,
Ба Ҷамшед оранд яксар нажод.

1. ИМ – ниёкони ман.
2. ИМ – болову.
3. ТПЗ – Зи фармони шоҳон кунун бугзарад,
Ҳаме роҳи фарзонагӣ наспарад.
Наёред аз мурғи мурдор ёд,
Чи гӯям, зи Яздонатон шарм бод!

www.sattor.com

Ниёкон-тро подшоҳӣ зи мост
В-агарна касе номи эшон нахост.

Қубоди гузинро зи Албурзкӯҳ
Ман овардам андар миёни гурӯҳ.[1]

Вагарна яке бутпарастанда мард
На бо ганҷу лашкар, на бо дору бард.[2]

3040 Ҳамоно шунидастӣ овои Сом
Набуд дар замона чун ӯ некном[3].

Нахустин ба Тус-андарун аждаҳо,
Ки аз чанги ӯ кас нагаштӣ раҳо,

Ба дарё наҳангу ба хушкӣ паланг,
Дамаш нарм кардӣ ба кӯҳ хорасанг.

Ба дарё сари моҳиён барфурӯхт
В-аз ӯ бар ҳаво парри каргас бисӯхт.

Ҳаме пилро даркашидӣ ба дам,
Дили хуррам аз ёди ӯ шуд дижам.[4]

3045 Дигар саҳмгин[5]*[6] дев буд бадгумон,
Танаш бар[7] замину сараш[8] б-осмон,

Ки дарёи Чин то миёнаш будӣ,
Зи тобидани хур зиёнаш будӣ.

---

1. ИЛМ –б. 3036, 3037 нест.
2. ИЛМ – Бузург асту Ҳушанг будаш падар,
   Ба гетӣ шумар хусрави тоҷвар.
3. И – шодком.
4. ТПЗ – Ба дарё - дарун буд ӯ ҷойгир,
   Зи заҳраш шудӣ оби дарё чу қир.
   Бикушт ончунон аждаҳоро ба гурз,
   Ҷаҳон гуфт ӯро: «зиҳӣ фарру бурз».
5. Л – Ва дигар яке.
6. М – андар ӯ.
7. Л – ду пояш замину.
8. Л – сурин.

www.sattor.com

Ҳаме моҳӣ аз об бардоштӣ,
Пас[1] аз гунбади моҳ[2] бугзоштӣ[3].

Ба хуршед моҳиш бирён шудӣ,
Аз ӯ чархи гарданда гирён шудӣ.[4]

Ду патёра з-ин гуна беҷон[5] шуданд,
Зи теғи яли[6] Сом бирён[7] шуданд.

Ҳамон модарам духти Меҳроб буд,
К-аз ӯ кишвари Синд шодоб буд,

Ки Заҳҳок будаш ба панҷум падар,
Зи шоҳони гетӣ бароварда сар.

Нажоде аз ин номвартар кирост,
Хирадманд гардан напечад зи рост.

Ҳунар он ки андар ҷаҳон сар ба сар
Ялонро зи ман ҷуст бояд ҳунар.

Ҳамон аҳди Ковус дорам нахуст,
Ки бар ман баҳона набояд-т ҷуст.

Ҳамон*[8] аҳди Кайхусрави додгар,
Ки чун ӯ набаст аз каён кас[9] камар.

Заминро ҳама сар ба сар гаштаам,
Басе шоҳи бедодгар[10] куштаам.

Чу ман баргузаштам зи Ҷайҳун бар об,
Зи Турон ба Чин рафт Афросиёб.

---

1. ЛМ – сар.
2. И – чарх.
3. Л – бифроштӣ.
4. ТПЗ – Камаргоҳи ӯро ба ду ним кард,
   Ҷаҳонро аз он дев бебим кард.
5. Л – печон.
6. ИЛ – теғу дили.
7. ИЛМ – беҷон.
8. М – Дигар.
9. И – Бузургон.
10. И – бедодро.

www.sattor.com

Чу Ковуси кай шуд ба Мозандарон,
Сухан гуфт Дастон басе андар он.[1]

Шунидӣ, ки бар вай чӣ омад зи дев,
Ба кӯрӣ зи ҷонаш баромад ғирев.

Бирафтам ба танҳо ба Мозандарон
Шаби тору фарсангҳои гарон,[2]

На Арҷанг мондам, на деви сапед,
На Санҷа, на Авлоди Ғундӣ, на Бед.

Ҳамон аз паи шоҳ фарзандро
Бикуштам далери хирадмандро,

Ки гурде чу Сӯҳроб дигар[3] набуд
Ба зӯру ба мардиву размозмуд.

Зи шашсад ҳамоно фузун аст сол,
Ки то ман ҷудо гаштам аз пушти Зол.

Ҳаме[4] паҳлавон будам андар ҷаҳон,
Яке буд бо ошкорам ниҳон.

Ба сони Фаридуни фаррухнажод,
Ки тоҷи бузургӣ ба сар барниҳод.

Зи тахт андаровард Заҳҳокро,
Супурдаш сару тоҷи ӯ хокро.

Дигар Сом к-ӯ буд моро ниё,
Бибурд аз ҷаҳон донишу кимиё.

Се дигар, ки чун ман бубастам камар,
Таносон шуд аз ранҷҳо тоҷвар.

---

1. ТПЗИЛМ – Зи Ковус дар ҷанги Ҳомоварон
Ба танҳо бирафтам ба Мозандарон.
2. ИЛМ – б. 3058 – 3060 нест.
3. И – номӣ.
4. ИЛ – ҳама.

www.sattor.com

Бад-он хуррамӣ рӯз ҳаргиз набуд,
Паи мард бероҳ бар диз набуд,

Ки ман будам андар ҷаҳон комрон,
Маро буд шамшеру гурзи гарон.

Бад-он гуфтам ин то бидонӣ ҳама,
Ту шоҳиву*[1] гарданкашон чун рама.

Ту андар замона расида навӣ,
Агарчанд бо фарри кайхусравӣ.

Тани хеш бинӣ ҳаме дар ҷаҳон,
На огоҳӣ*[2] аз корҳои ниҳон.

Чу бисёр шуд гуфтаҳо, май х(в)арем,
Ба май ҷони андӯҳро бишкарем».

СИТОИШ КАРДАНИ ИСФАНДЁР НАЖОДИ ХЕШРО

Зи Рустам чу Исфандёр ин шунид,
Бихандиду шодон дилаш бардамид.

Бад-ӯ гуфт, к-«Аз ранҷу пайкори ту
Шунидам ҳама дарду тимори[3] ту.

Шунав, корҳое, ки ман кардаам,
Зи гарданкашон сар баровардаам.[4]

Нахустин камар бастам аз баҳри дин,
Тиҳӣ кардам аз бутпарастон замин.

Кас аз ҷангҷӯёни[5] гетӣ надид,
Ки аз куштагон хок шуд нопадид.

---

1. М – Тӯӣ шоҳу.
2. М – Наӣ огаҳ.
3. Л – кору кирдори.
4. И – б. 3077, 3078 нест.
5. ИМ – Ки дар ҷанг кас рӯи.

www.sattor.com

Нажоди ман аз пушти*[1] Гуштосп аст,
Ки Гуштосп аз пушти*[2] Лӯҳросп аст,

Ки Лӯҳросп буд пури Аврандшоҳ,
Ки ӯро будӣ он замон ному ҷоҳ.

Ҳам[3] Авранд аз тухмаи[4] Кайпашин,
Ки кардӣ падар бар Пашин[5] офарин.

Пашин буд аз тухмаи Кайқубод,
Хирадманд[6] шоҳе, дилаш пур зи дод.

Ҳаме рав чунин[7] то Фаридуншоҳ,
Ки бехи[8] каён буду зебои гоҳ.

Ҳамон модарам духтари Қайсар аст,
Ки ӯ бар сари румиён афсар аст.

Ҳамон Қайсар аз Салм дорад нажод,
Нажоде баоину[9] бофарру дод.

Ҳамон Салм пури Фаридуни гурд,
Ки аз хусравон гӯи мардӣ[10]*[11] бибурд.

Бигӯям ману кас нагӯяд, ки нест,
Ки бе раҳ фаровону раҳ андакест.

Ту онӣ, ки пеши ниёкони ман,[12]
Бузургону фархунда[13] покони ман,[14]

1. М – тухми.
2. М – Гуштоспшоҳ пури.
3. Л – Буд.
4. ЛМ – гавҳари.
5. Л – Пашин бар писар.
6. – ҳунарманд.
7. Л – ҳамэдун бирав.
8. ИЛ – асли.
9. И – зи тухми Фаридуни.
10. ИЛ – мурдӣ.
11. М – Номи гурдӣ.
12. И – мо.
13. ИМ – бузургони бедору.
14. И – мо.

www.sattor.com

Парастанда будӣ ту худ бо ниё,
Наҷӯям ҳаме з-ин сухан кимиё.

Ту шоҳӣ зи шоҳони ман ёфтӣ,
Чу дар бандагӣ тез[1] биштофтӣ.

Бимон, то бигӯям ҳама, ҳарчи ҳаст,
Яке дар дурӯғ аст, бинмой даст.

Ки то шоҳ Гуштоспро дод[2] тахт,
Миён баста дорам ба мардиву бахт.

Ҳар он кас, ки баргашт аз роҳи дин,
Бикуштам ба майдони Турону Чин.

В-аз он пас, ки моро ба гуфти Гуразм,
Бубастам падар, дур кардам зи базм,

Ба Лӯҳросп аз банди ман бад расид,
Шуд аз турк рӯи замин нопадид.

Сӯи Гунбадондиж ба пайғамбарӣ
Ҷаҳондида Ҷомосп шуд лашкарӣ.

Биёмад, чу з-он гунаам баста дид,
Аз андеша ҷону дилам хаста дид,[3]

Биёвард чанде зи[4] оҳангарон,
Ки моро кушояд зи банди гарон.

Ҳаме кори оҳангарон дер буд,
Дили ман[5] бар оҳанги шамшер буд.

1. ИМ – Агарчанд бар кина.
2. ИЛ – б. 3098, 3099 нест.
3. ИЛМ – б. 3098, 3099 нест.
4. ИЛМ – Ҷомосп.
5. Л – Маро дил.

www.sattor.com

Дилам танг шуд, бонгашон барзадам,
Тан аз дасти оҳангарон бистадам.

Барафрохтам сар зи ҷои нишаст,
Ҳама[1] банд барҳам шикастам ба даст.

Бирафтам аз он ҷо бад-он размгоҳ,
Ки Гуштоспро бахт гум кард роҳ.[2]

Гурезон шуд Арҷосп аз пеши ман
Бад-он сон яке номдор анҷуман.

Ба мардӣ бубастам камар бар миён,
Ҳаме рафтам аз пас чу шери жаён.

Шунидӣ, ки дар Ҳафтхон пеши ман
Чӣ омад зи шерону он Аҳриман.[3]

Ба чора ба Рӯиндиж - андар шудам,
Ҷаҳоне бар он гуна барҳам задам.[4]

Ба Туронзамин[5] он чи[6] ман кардаам,
Ҳамон ранҷу сахтӣ, ки ман бурдаам,

Ҳамоно надидаст гӯр аз паланг,
На аз шасти маллоҳ*[7] коми наҳанг.

Яке диж ҳамон*[8] бар сари кӯҳ буд,
Ки аз бартарӣ дур аз анбӯҳ буд.

Чу рафтам, ҳама бутпарастон буданд,
Саросема бар сони мастон буданд.

1. Л – Ғулу.
2. ИЛ – б. 3104 нест.
3. И – б. 3106, 3107 нест; Л – девони он анҷуман.
4. ТПЗИЛ – Биҷустам ҳаме кини эрониён,
Ба хуни бузургон бубастам миён.
5. Л – Турону Чин.
6. И – Турону Чин он ки.
7. М – Гар аз шасти сайёд.
8. М – тирадаж.

www.sattor.com

Зи ҳангоми Тури Фаридуни гурд,
Кас андар ҷаҳон номи он диж набурд.

Ба мардӣ ман он бораро бистадам,
Бутонро ҳама бар замин барзадам.

Барафрӯхтам оташи Зардиҳишт,
Ки бо миҷмар оварда буд аз биҳишт.

Ба пирӯзии додгар як Худой,
Ба Эрон чунон омадам боз ҷой,

Ки моро ба ҳар ҷой душман намонд,
Ба бутхонаҳо-дар бараҳман намонд.

Ба танҳо тани хеш ҷустам набард,
Ба пархош тимори ман кас нах(в)ард.

Суханҳо кунун гашт[1] бар мо дароз,
Агар ташнаӣ, ҷоми май барфароз.

СИТОИШ КАРДАНИ РУСТАМ ПАҲЛАВОНИИ ХУДРО

Чунин гуфт Рустам ба Исфандёр,
Ки «Кирдор монад зи мо ёдгор.

Кунун доддеҳ бошу бишнав сухан,
Аз ин номбардор пири[2] куҳан.

Агар ман нарафтӣ ба Мозандарон,
Ба гардан бароварда гурзи гарон,

1. Л – Сухан буд бар ин гуна.
2. ИЛ – марди.
* М – Куҷо зӯри суммаш.

www.sattor.com

Кучо кӯр[1] буд Геву Гударзу Тус,
Шаҳи номвар ҳам зи ғам пурфусӯс.[2]

Кӣ кандӣ дилу мағзи деви сапед,
Киро буд ба бозӯи хеш ин умед?

3125 Кӣ Ковуси кайро кушодӣ зи банд,
Кӣ овардӣ ӯро ба тахти баланд?[3]

Зи банди гарон бурдамаш сӯи тахт,
Шуд Эрон ба ӯ[4] шоду ӯ некбахт.

Сари ҷодувонро бикандам зи тан,
Сутудон надиданду гӯру кафан.

Дар он размҳо ёри ман[5] Рахш буд,
Ҳамон теғи[6] тезам ҷаҳонбахш буд.

В-аз он пас, ки шуд сӯи Ҳомоварон,
Бубастанд пояш ба банди гарон,

3130 Бибурдам аз эрониён лашкаре
Ба ҷое ки буд меҳтаре ё саре.

Бикуштам ба ҷанг-андарун шоҳашон,*[7]
Тиҳӣ кардам он номвар гоҳашон.*[8]

Ҷаҳондор Ковус худ баста буд,
Зи ранҷу зи тимор дилхаста*[9] буд.

1. ЛМ – баста.
2. Л – Ҳаме кард гардун бар эшон фусӯс.
3. ИЛМ – б. 3125 нест.
4. ИЛ – бад-ӯ.
5. ЛМ – Маро ёр дар Ҳафтхон.
6. Л – Чу шамшери.
7. М – шоҳро.
8. М – гоҳро.
9. М – тимори он.

www.sattor.com

Ба Эрон буд Афросиёб он замон
Або лашкару номвар меҳтарон.[1]

Биёвардам аз банд Ковусро,
Ҳамон Геву Гударзу ҳам Тусро.

Ба Эрон кашидам зи Ҳомоварон
Ҳамон паҳлавонону номоварон.[2]

Шаби тира чун ман[3] бирафтам зи пеш,
Ҳама ном ҷустам, на ороми хеш.

Чу дид он дурафшон дурафши маро,
Ба гӯш омадаш бонг Рахши маро,

Бипардохт Эрону шуд сӯи Чин,
Ҷаҳон шуд пур аз доду пурофарин.

Гар аз ёли Ковус хун омадӣ,
Зи пушташ Сиёвахш чун омадӣ.

Чу Кайхусрав аз покмодар назод,
Кӣ Лӯҳроспро номи шоҳӣ[4] ниҳод?[5]

---

1. ИМ – Ҷаҳон пур зи дуди бади бадгумон.
2. ИЛ – Худу шоҳ бо лашкари бекарон.
3. ИЛМ – танҳо.
4. ИЛМ – тоҷ бар сар.
5. ТПЗИЛ – Падар он далери гаронмоя мард
Зи нанг андар он анҷуман хох(в)ард,
Ки Лӯҳроспро шоҳ боист хонд,
В-аз ӯ дар ҷаҳон ном чанде бимонд.*
Зи ман бишнав, эй гурд, Исфандёр
Мабош эмин аз гардиши рӯзгор.
Ту такя чунин бар ҷавонӣ макун,
Зи пири ҷаҳондида бишнав сухун.
Макун ончи Гуштосп гӯяд ҳаме,
Ки ӯ роҳи дониш напӯяд ҳаме.

* ИЛ – танҳо ду б. аввал мавҷуд аст.

www.sattor.com

Чӣ нозӣ бад-ин тоҷи гуштоспӣ,[1]
Бад-ин ёраву тахти лӯҳроспӣ?

---

1. Ба хӯи бад ӯ бистад аз боб тахт,
Ки нафрин бад-ӯ боду бар тоҷу бахт!
Падар чун мар ӯро сабуксор дид,
Парастишгаҳе аз ҷаҳон баргузид.
Чу дидаш мар ӯро чунон киначӯй.
Ба оташкада рафт бо оби рӯй.
Биёмад ба Зобул падарро ба Балх
Раҳо кард танҳош бо коми талх.
Саранҷом аз Чин бурун тохтанд,
Ба хорӣ мар ӯро ба хун охтанд.
Касе к-ӯ падарро чунон хор кард,
Писарро нахоҳад ғаме кор кард.
Саранҷом ҳилат ба ту кард боз,
Ба ту бадхуӣ кард Гуштосп соз.
Бихоҳад ба дил марги Исфандёр,
Ки фармуд бо Рустамаш корзор.
Ҳамоно зи ту ҳаст тарсон дилаш,
Фурӯ рафта пои дил андар гилаш.
Набинад ба хоб ӯ, ки бар ман газанд
Расад аз туву ман шавам пойбанд.
Макун, эй писар, бишнав аз ман дуруст,
Ки Гуштосп худ душмани ҷони туст.
Ба ту то набояд варо дод тахт,
Ба пайкори ман мар туро кард сахт.
Бимон то ки он тоҷу тахту кулоҳ
Ба дӯзах барад ё ба абри сиёҳ.
Падар, к-ӯ зи фарзанд дорад, дареғ,
Сари гоҳ, андар сараш бод теғ!
Падар, к-ӯ ба дастон кунад гум писар,
Чи дарранда гурге чи чунон падар?!
Ба ҷои падар мар туро Зол бас,
Зи Рустам ҳамон гурзу кӯпол бас.
Ба Эрону Турон туро шаҳ кунам,
Зи ту дасти бадхоҳ кӯтаҳ кунам.
В-агар бастани ман ҳаме боядат,
Аз ин бастагӣ ҳеч накшоядат.
Ки ман аз кушоди камон рӯзи кин
Бидӯзам ҳаме осмон бар замин.
Маро буд ин мардиву ному ком,
Ки Лӯҳросп буд як савора ба Шом.
Маро буд ин ганҷи ободу бум,
Ки Гуштосп оҳангаре буд ба Рум.

www.sattor.com

Кӣ гӯяд, бирав, дасти Рустам бубанд,
Набандад маро даст чархи баланд[1]!

Ман аз кӯдакӣ то шудастам куҳан,
Бад-ин гуна аз кас набурдам сухан.

Маро хорӣ аз пӯзишу хоҳиш аст
В-аз ин нарм гуфтан маро коҳиш аст».

3145 Зи тезиш хандон шуд Исфандёр,
Биёзиду дасташ гирифт устувор.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй Рустами пилтан,
Чунонӣ, ки бишнидам аз анҷуман.

Ситабр аст бозут чун рони шер,
Бару ёл чун аждаҳои далер.

Миён тангу борик ҳамчун паланг,
Чун он гирдгаҳ баркашад рӯзи ҷанг?»

Бияфшурд чангаш миёни сухан,
Зи барно напечид*[2] марди куҳан.

3150 Зи нохун ҳаме рехташ оби зард,
Ҳамоно напечид аз он дард мард.

Гирифт он замон дасти меҳтар ба даст,
Чунин гуфт, к-«Эй шоҳи Яздонпараст,

Хунук шоҳ Гуштосп он номдор,
Ки ӯ пур дорад чу Исфандёр!

Хунук он ки чун ту писар зоядаш[3],
Ҳама фарри гетӣ бияфзоядаш».[4]

---

1. ТПЗМ – Вагарна куҷо буд тоҷи шумо,
Ҳамон ёраву тахти оҷи шумо?
Ту андар ҷаҳон паҳлавони навӣ,
Навоину аз тухми Кайхусравӣ.
2. М – бихандид.
3. ИМ – зояд ӯ.
4. ИМ – бияфзод ӯ.

www.sattor.com

Ҳаме гуфту чангаш ба чанг-андарун,
Ҳаме дошт то чеҳри ӯ шуд чу хун.

Ҳама нохунаш пур зи хуноб кард[1],
Бурӯи сипаҳбад пур аз тоб кард[2].

Бихандид аз он фаррух Исфандёр,
Бад-ӯ гуфт, к-«Эй Рустами номдор,

Ту имрӯз май хӯр, ки фардо ба разм
Бупечиву ёдат наёяд зи базм.

Чу ман барниҳам зин ба аспи*[3] сиёҳ,
Ба сар барниҳам хусравонӣ кулоҳ,

Ба найза зи аспат ниҳам бар замин
Аз он пас на пархош ҷӯӣ, на кин.

Ду дастат бубандам барам назди шоҳ,
Бигӯям, к-аз ӯ ман надидам гуноҳ.

Бибошам ба пешаш ба хоҳишгарӣ,
Бисозам зи ҳар гунае доварӣ.

Раҳонам туро аз ғаму дарду ранҷ,
Биёбӣ пас аз ранҷ хубиву[4] ганҷ».

Бихандид Рустам зи Исфандёр,
Бад-ӯ гуфт: «Сер ой аз корзор.

Куҷо дидаӣ ҷанги ҷанговарон,
Куҷо ёфтӣ боди гурзи гарон?

Агар бар чунин рӯй гардад сипеҳр,
Бипӯшад миёни ду тан рӯи меҳр,

1. И – гашт.
2. И – гашт.
3. М – зини заррин ниҳам бар.
4. ИМ – бисёр.

www.sattor.com

Ба ҷои маи сурх кин оварем,
Камону каманду камин оварем[1].

Ғави кӯс хоҳем з-овои руд,
Ба теғу ба кӯпол бошад дуруд.

Бубинӣ ту, эй фаррух Исфандёр,
Гироидану ҷустани*[2] корзор.

Чу фардо биёям ба дашти набард,
Ба овард мард андарояд ба мард.

Зи кӯҳа ба оғӯш бардорамат,
Ба наздики фархунда[3] Зол орамат.

Нишонам-т бар номвар тахти оҷ,
Ниҳам бар сарат-бар дилафрӯз тоҷ.

Куҷо ёфтастам ман аз Кайқубод,
Ба мину ҳамин[4] ҷони ӯ шод бод.

Кушоям дари ганҷи пурхоста,[5]
Ниҳам пеши ту яксар[6] ороста.*[7]

Диҳам бениёзӣ сипоҳи туро,
Ба чарх[8] андарорам кулоҳи туро.

В-аз эдар[9] биёям ба наздики шоҳ,
Гурозону тозону хуррам ба роҳ.

Ба мардӣ туро тоҷ бар сар ниҳам,
Сипосе ба Гуштосп аз он барниҳам.

1. И – б. 3166, 3167 нест.
2. М – печиши.
3. ИМ – Чунон ҳам ба наздики.
4. И – Ҳамон; Л – ҳаме.
5. И – ганҷу ҳам хоста.
6. И – Ки дорам ниҳон беш ороста.
7. М – ганҷу ҳар хоста.
8. ИМ – ба абр.
9. Л – Аз он ҷо.

www.sattor.com

В-аз он пас бубандам камар бар миён,
Чунон чун бубастам*[1] ба пеши каён.

Зи шодӣ дили хешро нав кунам,
Ҳама рӯи полез бехав кунам.

Чу ту шоҳ бошиву ман паҳлавон,
Касеро намонад ба тан-дар равон».

МАЙ ХӮРДАНИ РУСТАМ БО ИСФАНДЁР

Чунин посух овардаш Исфандёр,
Ки «Гуфтори бешӣ наёяд ба кор.

Шикам гурсуна, рӯз ниме гузашт,
Зи пайкор гуфтор бисёр гашт.

Биёред чизе ки дореду хон,
Касеро ки бисёр гӯяд, махон».

Чу бинҳод, Рустам ба хӯрдан гирифт,
Бимонданд аз хӯрдани ӯ шигифт[2].

Ял Исфандёру ялон[3] яксара
Ниҳоданд ҳар сӯ ба пешаш бара.

Ҳаме хӯрд Рустам аз онҳо ҳама,
Шигифт андар ӯ монд шоҳу рама[4].

Бифармуд меҳтар, ки ҷом оваред,
Бад-ӯ-дар маи сурхфом оваред.

Бубинем, то Рустам акнун ба[5] май
Чӣ гӯяд, чӣ ҷӯяд зи Ковуси кай».

Биёвард пас ҷоми май майгусор,
Ки бугзашта бар вай басе рӯзгор.

1. М – ҳам, ки бастам.
2. И – б. 3182, 3183 нест.
3. Л – гавон.
4. ИЛ – б. 3185 нест.
5. ИЛ – Зи.

www.sattor.com

Ба ёди шаҳаншоҳ Рустам бих(в)ард,
Баровард аз он чашмаи зард*[1] гард.

Ҳамон ҷомро кӯдаки майгусор
Биёвард пурбодаи шоҳвор.

Таҳамтан чунин гуфт бо ӯ ба роз,
Ки «Бар хон*[2] наёяд ба обат ниёз.

Чаро об дар ҷоми май афканӣ,
Ки тези набиди куҳан бишканӣ?»

Башутан чунин гуфт бо майгусор
Ки «Бе об ҷоме пур аз май[3] биёр».

Май оварда ромишгаронро бихонд,
Зи Рустам ҳаме дар шигифтӣ бимонд.

Чу ҳангомаи рафтан[4] омад фароз,
Зи май лаъл шуд Рустами сарфароз.

Чунин гуфт бо Рустам[5] Исфандёр,
Ки «Шодон бизӣ, то бувад рӯзгор!

Маю ҳар чӣ хурдӣ, туро нӯш бод,
Равони туро ростӣ тӯш бод!»

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Эй номдор,
Ҳамеша хирад бодат омӯзгор.

Ҳар он май, ки бо ту хурам, нӯш[6] гашт,
Равони хирадмандро тӯш[7] гашт.

1. М – сурх.
2. М – май.
3. И – як ҷоми дигар.
4. Л – ҳангоми рафтан-ш.
5. ИМ – ӯ ял.
6. И – нӯша.
7. И – тӯша.

www.sattor.com

Гар ин кина аз дил-т[1] берун кунӣ,
Бузургиву дониш ба афзун кунӣ,

Зи дашт андарой сӯи хони ман,
Бувӣ шод якчанд меҳмони ман[2],

Ки ман[3] ҳарчӣ гуфтам, ба ҷой оварам,
Хирад пеши ту раҳнамой оварам.

Биёсой якчанду бар бад макӯш,
Сӯи мардуми ёзу боз ор ҳуш».

Чунин гуфт бо ӯ ял Исфандёр,
Ки «Тухме ки ҳаргиз нарӯяд, макор.

Ту фардо бубинӣ зи мардон ҳунар,
Чу ман тохтанро бубандам камар.

Тани хештан низ мастой ҳеч
Ба айвон шаву кори фардо басеч.

Бубинӣ, ки ман дар сафи корзор
Чунонам, ки бо бодаву майгусор.

Натобӣ ту бо ман ба дашти набард,
Шунав панди ман[4], гирди размам магард[5].

Ҳунар беш бинӣ зи гуфтори ман,
Маҷӯй андар ин кор тимори ман,

Ҳар он ч-ат бигӯям, ту бипзир панд
Ба гуфтори шоҳ андарой ба банд[6].

---

1. Л – мағз.
2. ТПЗИМ – Гиромӣ кунӣ хона бар* мо ба сур,
Мабош аз парастандаи хеш дур.
* И – хонаи.
3. И – Сухан.
4. Л – Зи ман бишнаву.
5. ИМ – б. 3208 нест.
6. ИМ – б. 3210 нест.
ТПЗМ – Ки фармони шаҳ пеши яздоншинос
Чу фармони Яздон бувад бо сипос.

www.sattor.com

Чу аз шаҳри Зобул ба Эрон шавем,
Ба наздики шоҳи далерон шавем».

Дили Рустам аз ғам пурандеша шуд,
Ҷаҳон пеши чашмаш чу як беша шуд,

Ки гар ман диҳам даст банди варо,
Вагар сар фарозам газанди варо,

Ду кор аст ҳарду банафрину бад,
Газоянда расме навоину бад.

Ҳам аз банди ӯ бад шавад номи ман,
Ҳам аз куштанаш бад саранҷоми ман[1].

Ба гирди ҷаҳон ҳар кӣ ронад сухан,
Накӯҳидани ман нагардад куҳан,

Ки Рустам зи дасти ҷавоне нараст,
Ба Зобул шуда дасти ӯро бубаст.

Ҳама номи ман бозгардад ба нанг,
Намонад зи ман дар ҷаҳон бӯю ранг.

В-агар кушта ояд ба дашти набард,
Шавад назди шоҳон маро рӯй зард,

Ки ӯ шаҳрёри ҷавонро бикушт,
Бад-он к-ӯ сухан гуфт бо ӯ дурушт.

Ба ман-бар пас аз марг нафрин бувад,
Ҳамон номи ман пири[2] бедин бувад.

В-агар ман шавам кушта бар дасти ӯй,
Намонад ба Зобулситон рангу бӯй.

1. ТПЗ – Чӣ чора-сту ин корро роҳ чист,
Ки бар карду нокард бояд гирист?
2. Л – низ.

www.sattor.com

Гусиста[1] шавад тухми[2] Дастони Сом,
Зи Зобул нагирад касе низ ном.

Валекин ҳаме[3] хуб гуфтори ман
Пас аз ман бигӯянд дар[4] анҷуман.

Агар ҳеч монида будӣ зи ман,
Хирад бегумон ҷон рабудӣ зи ман.

Чунин гуфт пас бо сарафроз мард,
Ки «Андеша рӯи маро зард кард.

Ки чандин чӣ гӯӣ ту аз кори банд?
Битарсам, к-аз ин банд ёбӣ газанд[5].

Магар осмонӣ сухан дигар аст,
Ки чархи равон аз[6] гумон бартар аст.

Ҳама панди девон пазирӣ ҳаме,
Ба*[7] дониш сухан барнагирӣ ҳаме[8].

Ту яктодиливу надидаҷаҳон,
Чунон дон, ки дарди ту ҷӯяд ниҳон.

Гар эдун, ки Гуштосп бо тоҷу тахт,
Наёбад ҳаме серӣ аз рӯзу бахт,

Ҳаме гирди гетӣ давонад туро,
Ба ҳар сахтие-бар биронад туро.

Зи рӯи замин як сар андеша кард,
Хирад чун табар, ҳуш чун теша кард,

---

1. Л – шикаста.
2. ИЛ – номи.
3. И –ҳамин.
4. И –аз ин пас бигӯянд бар; ЛМ – аз ин пас накӯянд бар.
5. И –б. 3227. нест.
6. Л – равонро.
7. М – Зи.
8. ТПЗЛ – Туро сол бар н-омад аз рӯзгор,
Надонӣ фиребу бади шаҳрёр.

www.sattor.com

Ки то кист андар ҷаҳон номдор,
Ки аз ту напечад сар аз корзор,

К-аз он номвар бар туояд газанд,
Бимонад бад-ӯ тоҷу тахти баланд,

Ки шояд, ки бар тоҷ нафрин бувад*[1]
В-аз ин достон хок болин бувад.*[2]

Ҳаме ҷони ман дар накӯҳиш ниҳӣ,
Чаро дил на андар пижӯҳиш ниҳӣ?

Ба тан ранҷ дорӣ бад-ин дасти хеш,
Гар аз бадгумон дил наёяд-т реш.*[3]

Макун шаҳрёро, ҷавонӣ макун,
Чунин дар бало комронӣ макун[4].

Макун шаҳрёро, дили мо нажанд,
Маёвар ба ҷони ману худ газанд[5].

Зи Яздону аз рӯи ман шарм дор,
Махӯр бар тани хештан зинҳор.

Туро бениёзист аз[6] ҷанги ман
В-аз ин[7] кӯшишу разму[8] оҳанги ман.

Замона ҳаме тохтат бо сипоҳ,
Ки бар дасти ман худ ту гардӣ[9] табоҳ.

Бимонад ба гетӣ зи ман номи бад,
Ба Гуштосп бодо[10] саранҷоми бад!»

---

1. М – кунам.
2. М – кунам.
3. М – Агар бадгумонӣ, бад ояд-т пеш.
4. И –б. 3238, 3239 нест.
5. Л –б. 3240 нест.
6. Л – Шабобӣ, на бозист ин.
7. Л – макун.
8. Л – кардан.
9. ЛМ – гашт хоҳӣ.
10. Л –бод ин.

www.sattor.com

Чу бишнид гарданкаш Исфандёр,
Бад-ӯ гуфт, к-«Эй Рустами номдор,

Ба донои пешин нигар, то чӣ гуфт,
Бад-он гаҳ ки бо ҷон хирад кард ҷуфт,

Ки пири фиребанда коно бувад,
Агарчанд пирӯзу доно бувад.

Ту чандин ҳаме бо ман афсун кунӣ,
Ки то чанбар аз ёл берун кунӣ.

Ту хоҳӣ, ки ҳар кас ки ин бишнавад,
Бад-ин чарб гуфтори[1] ту биграваД.

Маро ном хонанд нопокрой,
Туро марди ҳушёру некифизой.

Бигӯянд, к-ӯ бо хирому навид,
Биёмад варо кард чандин умед.

Сипаҳбад зи гуфтори ӯ сар битофт,
Аз он пас, ки ҷуз ҷанг чизе*[2] наёфт.

Ҳама хоҳиши ӯ ҳаме хор дошт,
Забоне пур аз талх гуфтор дошт.

Чунон дон, ки[3] ман сар зи фармони шоҳ
Напечам, на аз бахри тоҷу кулоҳ.

Бад-ӯ ёбам андар ҷаҳон хубу зишт,
Бад-ӯяст дӯзах, бад-ӯям[4] биҳишт.

Туро ҳарчи хӯрдӣ, физоянда бод,
Бадандешагонро газоянда бод.

1. Л – хубгуфтор.
2. М – к-аз ӯ хуб коре.
3. Л – ҳаме. Гуфт.
4. И – аз ӯям.

www.sattor.com

Ту акнун ба хубӣ[1] ба айвон бипӯй,
Сухан ҳарчи бишнидӣ, он ҷо бигӯй.

Биёрою мар[2] ҷангро соз кун
В-аз ин дар мапаймой бо ман сухун.

Пагоҳ ою бар ҷанг чора бисоз,
Макун з-ин сипас кор бар мо дароз.

Ту фардо бубинӣ ба овардгоҳ,
Ки гетӣ шавад пеши чашмат сиёҳ.

Бидонӣ, ки пайкори мардони мард
Чӣ гуна бувад рӯзи нангу набард».

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Эй номҷӯй[3],
Туро гар чунин омадаст орзӯй,

Танат[4] бар таки Рахш меҳмон кунам,
Ба гурзу[5] ба кӯпол дармон кунам.

Ту дар паҳлавӣ хеш бишнидаӣ,
Ба гуфтори эшон бигарвидаӣ,

Ки теғи далерон бар Исфандёр
Наёяд ба овард ҳаргиз[6] ба кор.

Бубинӣ ту фардо синони маро,
Ҳамон гирдкарда инони маро.

К-аз он пас ту[7] бо номдорони мард,
Наҷӯӣ ба овардгаҳ-бар набард».

1. Л – ба хушшӣ.
2. Л – сипоҳат ҳама; ИМ – силеҳат ҳама.
3. ИМ – шерхӯй.
4. ИМ – Туро.
5. ИМ – саратро.
6. ИЛМ – Ба овардгаҳ-бар наёяд.
7. ИЛ – Ки то низ.

www.sattor.com

Лаби марди барно пур аз ханда шуд,
Ҳаме Рустам[1] он хандаро банда шуд.

Ба Рустам чунин гуфт, к-«Эй номҷӯй,
Сабук тез[2] гаштӣ бад-ин гуфтугӯй.

Чу фардо биёям[3] ба дашти набард,
Шавӣ огаҳ аз кори[4] мардони мард.

На ман кӯҳаму зерам аспе чу кӯҳ,
Ягона*[5] яке мардумам бегурӯҳ.

Ҷуз аз номи Яздон маро дастгир
Намебошад аз захми шамшеру тир.

Гар аз гурзи ман бод ёбад сарат,
Бигиряд ба дарди ҷигар модарат.

В-агар кушта н-ойӣ[6] ба овардгоҳ,
Бубандам ба бандат[7], барам назди шоҳ,

Бад-он, то чунин банда бо шаҳрёр
Наҷӯяд ба овардгаҳ корзор».

БОЗГАШТАНИ РУСТАМ БА АЙВОНИ ХУД

Чу Рустам биёмад зи пардасарой,
Замоне ҳаме буд бар дар ба пой.

Ба карпос[8] гуфт: «Эй сарои умед,
Хунук*[9] рӯз, к-андар ту буд Ҷаммшед[10].

1. И – Ҳама кеҳтар.
2. ИЛ – Чаро.
3. ИЛ – биёӣ.
4. ИМ – Бубинӣ ту оварди.
5. М – Ба танҳо.
6. Л – гардӣ.
7. Л – Бубандам-т бар зин. И – бари зин.
8. Л – карёс.
9. М – Хуш он.
10. ТПЗ – Ба гоҳи Фаридун ҳумоюн будӣ,
Замони Манучеҳр маймун будӣ.

www.sattor.com

Ҳумоюн будӣ гоҳи Ковуси кай,
Ҳамон рӯзи Кайхусрави некпай.

Дари фаррахӣ бар ту акнун бубаст,
Ки бар тахти ту носазое нишаст».

Шунид ин суханҳо ял Исфандёр,
Пиёда биёмад бари номдор.

Ба Рустам чунин гуфт, к-«Эй покрой,*[1]
Чаро тез гаштӣ ба пардасарой?

Сазад, гар ба ин буми Зобулситон
Ниҳад донишӣ ном Ғулғулситон,

Ки меҳмон чу сер ояд аз мизбон,
Ба зиштӣ барад номи ӯ бар забон».

Саропардаро, - гуфт, - буд рӯзгор,
Ки Ҷамшедро доштӣ дар канор[2],

Ки ӯ роҳи Яздони кайҳон биҳишт,
На хуш рӯз будаш, на хуррам биҳишт[3].

Ҳам он рӯз, к-аз баҳри Ковусшоҳ
Будӣ пардаву соябони сипоҳ[4],

Ки ӯ рози Яздон ҳаме бозҷуст,
Ҳаме хост дид ахтаронро дуруст.

Замин з-ӯ саросар пурошӯб гашт,*[5]
Пур аз ғорату ханҷару чӯб гашт.

Хуҷаста будӣ дар гаҳи Кайқубод,
К-аз ӯ гашт гетӣ ҳама пур зи дод.

1. М – некрой.
2. И – б. 3284 нест.
3. ТПЗ – Ҳамон низ огаҳ Фаридуншоҳ
Шуд аз бахт бар тахт абри сиёҳ,
Зи гоҳи Манучеҳр то Кайқубод
Касе дини Яздон наёвард ёд.
4. Л – пардаи сояи.
5. М – Заминро саросар пурошӯб кард.

www.sattor.com

Кунун моядори ту Гуштосп аст,
Ба пеши вай-андар чу Ҷомосп аст.

Нишаста ба як даст чун Зардиҳишт,
Ки бо Занду Уст омада[1] аз биҳишт.

Ба дигар Башутан гави некмард,
Наҷӯяд ба гетӣ ҳамон*[2] гарму сард.

Ба пеш-андарун фаррух Исфандёр,
К-аз ӯ шод шуд гардиши рӯзгор[3].

Дили некмардон бад-ӯ зинда шуд[4],
Бад аз бими шамшери ӯ банда шуд»[5].

Биёмад ба дар паҳлавони савор,
Пас-андар ҳаме дидаш Исфандёр.

Чу баргашт аз ӯ,[6] бо Башутан бигуфт,
Ки гурдиву мардӣ нашояд нуҳуфт.

Надидам бар ин гуна аспу савор,
Надонам, ки чун хезад ин корзор.

Яке жандапил аст бар кӯҳи Ганг,
Агар бо силеҳ андарояд ба ҷанг,

Зи боло ҳаме бугзарад фарру зеб,
Битарсам, ки фардо бубинад нишеб.

Ҳаме сӯзад аз фарру чеҳраш дилам,
Зи фармони додор дил нагсилам.

1. ИЛ – омадаст.
2. М – Ҳаме.
3. И – б. 3291, 3292 нест.
4. Л – гашт.
5. Л – гашт.
6. Л – ӯ.

www.sattor.com

Чу фардо биёяд ба овардгоҳ,
Бар ӯ - бар кунам рӯзи равшан сиёҳ[1].

Башутан бад-ӯ гуфт: «Бишнав сухун,
Ҳаме гӯямат, эй бародар, макун.

Туро гуфтам аз пешу[2] гӯям ҳаме
На аз ростӣ дил бишӯям ҳаме.

Маёзор касро, ки озодмард
Сар андарнаёрад ба озору дард.

Бихусб имшабу бомдоди пагоҳ
Бирав то ба айвони ӯ бесипоҳ.

Ба айвони ӯ рӯз фаррух кунем,
Сухан ҳарчи пурсад-ш,[3] посух кунем.

Ҳама кор некӯст[4] з-ӯ дар ҷаҳон
Миёни кеҳону миёни меҳон.

Ҳаме сар напечад зи фармони ту,
Дилаш рост бинам ба паймони ту.

Ту чандин[5] чӣ кӯшӣ ба кину ба хашм,
Бишӯй аз дилат кину аз хашм[6] чашм».

Яке посух овардаш Исфандёр,
Ки «Бар гӯшаи гулситон руст хор».

Бад-ӯ гуфт, к-«Аз мардуми покдин
Ҳамоно назебад, ки гӯяд чунин.

Гар эдун, ки дастури Эрон туӣ,
Дилу чашму гӯши далерон туӣ,

---

1. ТПЗ – Ва ё ӯ сар орад ба ман рӯзгор,
Ки донад, ки чун гардад ин корзор?
2. ИМ – гуфтам пеш.
3. ИЛ – пурсанд.
4. Л – нек аст.
5. ЛМ – бо ӯ.
6. Л – Бишӯяд зи дил кину хашмат зи.

www.sattor.com

Ҳаме хуб донӣ чунин роҳро,
Хирадрову озурдани шоҳро.

Ҳама ранҷ,[1] тимори ман[2] бод гашт,
Ҳамон дини Зардушт бедод гашт,

Ки гӯяд, ки ҳар к-ӯ зи фармони шоҳ
Бупечад, ба дӯзах барад пойгоҳ.*[3]

Маро чанд гӯӣ гунаҳгор шав,
Зи фармони[4] Гуштосп безор шав?

Ту гӯиву ман худ чунин[5] кай кунам,
Ки оре ба гуфтори ту най[6] кунам.

Гар эдун, ки тарсӣ ҳаме аз танам,
Ман имрӯз тарси туро бишканам.

Касе безамона ба гетӣ намурд,
Бимурд он ки номи бузургӣ набурд.

Ту фардо бубинӣ, ки бар дашти ҷанг
Чӣ кор оварам пеши ҷангинаҳанг».

Башутан бад-ӯ гуфт, к-«Эй номдор,[7]
Чунин чанд гӯӣ ту аз корзор?

Ки то ту расидӣ ба гурзу камон,
Набуд бар ту Иблиси бад бадгумон[8].

Ба дил девро роҳ додӣ кунун,
Ҳаме нашнавӣ панди ин раҳнамун.

1. ИЛ – ранҷу.
2. ИЛМ – мо.
3. М – бувад ҷойгоҳ.
4. ИЛ – гуфтори.
5. Л – гӯӣ ман ин худ ҳаме.
6. Л – аз роҳу фармони ту пай.
7. ИМ – шаҳрёр.
8. Л – Иблисро бад гумон; И – Иблисро ин гумон.

www.sattor.com

Дилат тира*[1] бинам, сарат пурситез,
Кунун ҷома бар тан кунам рез-рез.

Чӣ гуна кунам ман, ки тарс аз дилам
Бад-ин сон ба якборагӣ бугсилам?

Ду ҷангӣ, ду марду ду шери далер,
Чӣ донам, ки пушти кӣ ояд ба зер?»

Варо номвар ҳеч посух надод,
Дилаш гашт пурдарду сар пур зи бод.

ПАНД ДОДАНИ ЗОЛ РУСТАМРО

Чу Рустам биёмад ба айвони хеш,
Надид ӯ ҷуз аз разм дармони хеш.*[2]

Завора биёмад ба наздики ӯй,
Варо дид тирадилу зардрӯй.

Бад-ӯ гуфт ӯ:[3] «Теғи ҳиндӣ биёр,
Ҳамон ҷавшану[4] миғфари корзор.

Камон ору баргустувони ситабр,[5]
Каманд ору гурзи гарон ору бабр».[6]

Завора бифармуд, то ҳарчӣ гуфт,
Биёвард ганҷури ӯ аз нуҳуфт.

Чу Рустам силеҳи набардӣ[7] бидид,
Сар афшонду бод аз ҷигар баркашид.

Чунин гуфт, к-«Эй ҷавшани корзор.
Баросудӣ аз ҷанг як рӯзгор.

1. М – Хира.
2. М – Нигаҳ кард чанде ба ёрони хеш.
3. Л – рав.
4. ЛМ – найзаву.
5. Л – баргустувон ору тир.
6. Л – Эй далер.
7. И – набардаш.

www.sattor.com

Кунун кор пеш омадат, сахт бош,
Ба ҳар кор*[1] пероҳани бахт бош!

Чунин размгоҳе ки ғуррон ду шер[2]
Ба ҷанг андароянд ҳар ду далер[3].

Кунун то чӣ пеш орад Исфандёр,
Чӣ бозӣ кунад дар дами корзор».

Чу бишнид Дастон зи Рустам сухан,
Пурандеша шуд мағзи*[4] марди куҳан.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй номвар паҳлавон,
Чӣ гуфтӣ, к-аз ин[5] тира гаштам[6] равон?

Ту то барнишастӣ ба зини набард,
Набудӣ магар якдилу покмард?

Ба фармони шоҳон сарафрохта,
Ҳамеша дил аз ранҷ пардохта[7].

Битарсам, ки рӯзат сар ояд ҳаме,
Ки[8] ахтар ба хоб андарояд ҳаме.

Мар ин*[9] тухми Дастон зи бун барканад,
Зану кӯдакон-мон ба хок афканад.

Ба дасти ҷавоне чу Исфандёр,
Агар ту шавӣ кушта дар корзор,

Намонад ба Зобулситон обу хок,
Баландӣ бар ин бум гардад мағок.

---

1. М – ҷой.
2. Л – ҳарду далер.
3. Л – Чу ғурранда шер.
4. М – ҷони.
5. И –к-аз он.
6. И – гардад.
7. ТПЗ – Натарсидӣ аз шер в-аз аждаҳо,
   На дев омад аз захми гурзат раҳо.
8. И – К-аз.
9. М – ҳама.

www.sattor.com

В-ар эдун, ки ӯро расад з-ин газанд,
Намонад*[1] туро низ номи баланд.

Ҳаме ҳар касе достонҳо занад[2],
Баровардa номи туро бишканад,[3]

Ки ӯ шаҳрёри ҷавонро[4] бикушт,
Бад-он, к-ӯ сухан гуфт бо вай дурушт[5].

Ҳаме бош дар пеши ӯ-дар[6] ба пой,
Вагарна ҳам акнун бипардоз ҷой.

Ба пайғулае шав зи пешаш ниҳон,
Ки кас нашнавад номат андар ҷаҳон,

К-аз ин бад туро тира гардад равон,
Бипарҳез аз ин шаҳрёри ҷаҳон[7].

Ба ганҷу ба ранҷ[8] ин сухан бозхар,
Мабар[9] пеши дебои чинӣ табар[10].

Сипоҳи варо хилъат орой низ
В-аз ӯ бозхар хештанро ба чиз.

Чу баргардад ӯ аз лаби Ҳирманд,
Ту пой андаровар ба Рахши баланд.

Чу эмин шавӣ,[11] бандагӣ кун ба роҳ,
Бад-он то бубинӣ яке рӯи шоҳ.

---

1. М – Набошад.
2. ИЛМ – зананд.
3. ИЛМ – бишкананд.
4. ИМ – шаҳрёре зи Эрон.
5. И – Набарда саворе зи шерон бикушт.
6. И – ту пеши ӯ бар.
7. ИЛ – ҷавон.
8. – зар.
9. Л – сипар.
10. Л – мабар.
11. Л – шудӣ.

www.sattor.com

Чу бинад туро, кай кунад кори[1] бад,
Худ аз шоҳи Эрон[2] бадӣ[3] кай сазад?».

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Эй марди пир,
Суханҳо бад-ин гуна осон магир.

Ба мардӣ маро сол бисёр гашт,
Баду нек чанде[4] ба сар баргузашт.

Расидам ба девони Мозандарон,
Ба разми[5] саворони Ҳомоварон.

Ҳамон разми Комусу хоқони Чин,
Ки ларзон шудӣ*[6] зери аспаш[7] замин.

Кунун гар[8] гурезам зи Исфандёр,
Ту дар Систон коху гулбун[9] мадор.

Ба неруи Яздони парвардгор
Чӣ тарсам зи Гуштоспу Исфандёр?!

Ман арчи шудам пир, рӯзи набард
Сари чарху моҳ андарорам ба гард[10].

Чу ман бабр пӯшам ба рӯзи набард,
Чи сад жандапилу чи як дашт мард.

Зи хоҳиш, ки гуфтӣ басе рондаам,
Бад-ӯ дафтари кеҳтарӣ хондаам.

Ҳаме хор гирад суханҳои ман,
Бупечад сар аз донишу рои ман.

---

1. ИЛ –бо ту.
2. Л –шоҳ кардан.
3. И –кирдори бад.
4. Л –ҳарду.
5. Л –набарди.
6. М – будӣ.
7. ИЛ –буди зери эшон.
8. ИМ –Агар ман.
9. ИЛ – гулшан.
10. ИЛМ – б. 3361, 3362 нест.

www.sattor.com

Гар ӯ сар зи кайвон фуруд орадӣ,
Равонаш бари ман дуруд орадӣ,

Аз ӯ нестӣ ганҷу гавҳар дареғ,
Ҳамон гурзу кӯполу хафтону теғ.

Сухан чанд гуфтам, ба чизе набаст,*[1]
Зи гуфтор бод аст моро ба даст.

Гар эдун, ки фардо кунад корзор,
Дил аз ҷони ӯ ҳеч хаста*[2] мадор,

Ки ман теғи тезам нагирам ба даст,
Сари номдораш бигирам ба шаст.*[3]

Напечам ба овардгаҳ-бар*[4] инон
На кӯпол бинад, на захми синон.

Бубандам ба овардгаҳ роҳи ӯй,
Бигирам ба нерӯ камаргоҳи ӯй.

Зи кӯҳа ба оғӯш баргирамаш,
Ба шоҳӣ зи Гуштосп бипзирамаш.

Биёрам нишонам-ш бар тахти ноз[5]
В-аз он пас кушоям дари ганҷ боз[6].

Чу меҳмони мо[7] буда бошад се рӯз,
Ҷаҳорум, чу аз чарх гетифурӯз

Бияндозад он чодари лоҷвард,
Падид ояд ин ҷоми ёқути зард,

Сабук боз бо ӯ бубандам камар,
В-аз эдар ниҳам сӯи Гуштосп сар.

---

1. М – Чунин чанд гуфтам ба чандин нишаст.
2. М – ранҷа.
3. М – Гиромӣ тани ӯ нахоҳам бихаст.
4. М – ба овард бо ӯ.
5. Л – оҷ.
6. Л – ганҷу тоҷ.
7. И – ман.

www.sattor.com

Нишонам-ш бар номвар тахти оҷ,
Ниҳам бар сараш-бар дилафрӯз тоҷ.

3380 Бубандам камар пеши ӯ бандавор,
Наҷӯям ҷуз аз коми Исфандёр.

Ту донӣ, ки ман пеши тахти Қубод
Ба мардӣ чӣ кардам, ту дорӣ ба ёд.[1]

Ту фармой акнун, ки пинҳон шавам
Ва ё банди ӯро ба фармон шавам».

Бихандид аз гуфти ӯ Золи Зар,
Замоне биҷунбонд аз андеша сар.

Бад-ӯ гуфт Зол, «Эй писар, ин сухун,
Ки гуфтӣ, сараш нест пайдо зи бун,

3385 Ки девонагон ин сухан бишнаванд,
Бад-ин хом гуфтори ту биграванд.[2]

Қубоде ба кӯҳе нишаста дижам,
На тахту кулоҳу на ганҷу дирам.

Ту бо шоҳи Эрон баробар макун,
Сипаҳдору бо рою ганҷи куҳун.

Чу Исфандёре ки фағфури Чин,
Нависад ҳаме номи ӯ бар нигин.

Ту гӯӣ, ки аз кӯҳа бардорамаш,[3]
Ба бар сӯи[4] айвони[5] Зол орамаш.

---

1. ТПЗ – Ба гетӣ сиришти сутургӣ маро,
Ҳам ӯ дод ному бузургӣ маро.
2. Л – Награванд; И – гуфторҳо награванд.
ТПЗ – Ту гуфтӣ, ки дар пеши тахти Қубод
Ба мардӣ чӣ кардам, ту дорӣ ба ёд,
Л – Бигуфт, эй писар, пеши тахти Қубод
Чӣ кардиву ман худ чӣ дорам ба ёд.
3. Л – баргирамаш.
4. Л – Рабуда дар.
5. И – каш-дар сӯи хонӣ.

www.sattor.com

Нагӯяд чунин мардуми солх(в)ард,
Ба гирди дари ахтари бад[1] магард.

Бигуфтам туро он ки буд рои ман,
Ту донӣ кунун, эй маҳи анҷуман».

Бигуфт ину бинҳод сар бар замин,
Ҳаме хонд бар кирдгор офарин.

Ҳаме гуфт, к-«Эй довари кирдгор,*[2]
Бигардон ту аз мо бади рӯзгор».

Бад-он гуна то хур баромад зи кӯҳ,
Наёмад забонаш зи хоҳиш[3] сутӯҳ.

ҶАНГИ РУСТАМ БО ИСФАНДЁР

Чу шуд рӯз Рустам бипӯшид кабр,
Нигаҳбони тан кард бар кабр бабр.

Каманде ба фитроки зин- дар бубаст,[4]
Бар он бораи пилпайкар нишаст.

Бифармуд, то шуд Завора бараш,
Фаровон сухан ронд аз лашкараш.

Бад-ӯ гуфт: «Рав,[5] лашкаророй бош,
Бар он кӯҳаи рег бар пой бош».

Завора биёмад, сипаҳ гирд кард
Ба майдон, ки орад ба дашти набард.

Таҳамтан ҳаме рафт найза ба даст,
Чу берун шуд аз ҷойгоҳи нишаст.

Сипоҳаш бар ӯ хонданд офарин,
Ки «Бе ту мабод аспу кӯполу зин».

1. И – носипосӣ.
2. М – комгор.
3. ИМ – лоба.
4. ИЛ – барбубаст.
5. И – ӯ.

www.sattor.com

Ҳаме рафт Рустам, Завора пасаш,
Ки ӯ буд дар подшоҳӣ касаш.

Биёмад чунин то лаби Ҳирманд,
Ҳама лаб пур аз боду ҷонаш нажанд.

Сипаҳ бо бародар ҳам ин ҷо бимонд,
Сӯи лашкари шоҳи Эрон биронд.

Чунин гуфт пас бо Завора ба роз,
Ки «Ман дасти он бадраги девсоз

Ҳам акнун аз ин разм кӯтаҳ кунам,
Равонро сӯи равшанӣ раҳ кунам.[1]

Битарсам, ки бо ӯ бибояд задан,
Надонам, к-аз ин пас чӣ шояд будан.

Ту эдар бимону сипаҳро бидор,
Шавам, то чӣ пеш оварад рӯзгор.[2]

Агар тунд ёбам-ш ҳам з-он нишон,
Нахоҳам зи Зобулситон саркашон.

Ба танҳо тани хеш ҷӯям набард,
Зи лашкар нахоҳам касе ранҷа кард.[3]

Касе бошад аз бахт пирӯзу шод,
Ки бошад ҳамеша дилаш пур зи дод».[4]

Гузашт аз бари рӯду боло гирифт,
Ҳаме монд аз кори гетӣ шигифт.

---

1. И – б. 3406 нест.
2. И – б. 3408 нест.
3. ТПЗ – В-агар бо сипаҳ пешам ояд ба ҷанг,
Бихоҳам туро, бас маёвар диранг.
4. ТПЗ – Бигуфт ину маркаб биронд аз шитоб
Хурӯшону ҷӯшон ба наздики об.

www.sattor.com

Хурӯшиду[1] гуфт: «Эй ял[2] Исфандёр,
Ҳамовардат омад, баророй кор».

Чу бишнид Исфандёр ин сухан
Аз он шери пархошҷӯи куҳан,

Бихандиду гуфт, инак оростам,
Бад-он гаҳ, ки аз хоб бархостам.

Бифармуд то ҷавшану хӯди ӯй,
Ҳамон найзаву гурзаи говрӯй[3]*[4]

Бибурданду, пӯшид равшан бараш,
Ниҳод он кулоҳи каён[5] бар сараш.

Бифармуд то зин бар аспи сиёҳ
Ниҳоданду бурданд наздики шоҳ.

Чу аспи сияҳ дид пархошҷӯй,
Зи зӯру зи мардӣ ки буд андар ӯй,

Ниҳод ӯ[6] буни найзаро бар замин,
Зи рӯи замин*[7] андаромад ба зин.

Ба сони паланге, ки бар пушти гӯр
Нишинад,[8] барангезад аз гӯр шӯр.

Сипоҳаш[9] шигифтӣ фурӯ монданд,
Бар он номвар[10] офарин хонданд.

Ҳаме шуд чу назди Таҳамтан расид,
Мар ӯро бад-он бора танҳо бидид.

1. Л – Чунин.
2. Л – бо фаррух, И – хурӯшид, к-эй фаррух.
3. И – тарк бо найзаи ҷангҷӯй; Л – гурзу он найзан ҷангҷӯй.
4. М – гурз бо найзаи ҷангҷӯй.
5. ИЛ – кай.
6. ИЛ – он.
7. М – хоки сияҳ.
8. Л – ба тундӣ.
9. ИМ – Сипаҳ дар.
10. ИЛ – номдор.

www.sattor.com

Пас аз борагӣ бо Башутан бигуфт,
Ки «Моро набояд бад-ӯ ёру ҷуфт.

Чу танҳост, мо низ танҳо шавем,[1]
Зи пастӣ бар он тундболо шавем».[2]

Бад-он гуна рафтанд ҳарду ба разм,
Ки гуфтӣ, ки андар ҷаҳон нест базм.

Чу гаштанд наздик пиру ҷавон,
Ду шери сарафрозу ду паҳлавон,

Хурӯш омад аз бораи ҳарду мард,
Ту гуфтӣ бидаррид[3] дашти набард.

Чунин гуфт Рустам ба овози[4] сахт,
Ки «Эй шоҳи шодондилу[5] некбахт,

Бад-ин[6] гуна мастезу тундӣ[7] макӯш,[8]
Ба донанда букшой якбора гӯш.[9]

Агар ҷанг хоҳиву хун рехтан,
Бад-ин сон такопӯю*[10] овехтан,

Бигӯ то савор оварам зобулӣ,
Ки бошанд бо ҷавшани[11] кобулӣ.

1. ИМ – равем.
2. ИМ – равем.
ТПЗЛ – Башутан зи пас боз шуд бо сипоҳ
Яли номвар гурди лашкарпаноҳ,
Гумон бурд Рустам, к-аш аз дур дид,
Ки кӯҳе абар бора зӣ ӯ чамид.
3. Л – биларзид.
4. И – овоию.
5. Л – бинодили, И – марди шодондили.
6. Л – аз ин.
7. Л – бадро.
8. И – мастез, з-ин сон маҷӯш.
9. Л – Сӯи мардумӣ тозу боз ор ҳуш; И – як бор букшой гӯш.
10. М – сахтиву.
11. ИМ – Зиреҳдор бо ханҷари; Л – ханҷари.

www.sattor.com

Ту эрониёнро бифармой низ,
Ки то гавҳар ояд падид аз пашиз.[1]

Бад-ин размгаҳшон ба ҷанг оварем,
Худ эдар замоне диранг оварем.

Бибошад ба коми ту хун рехтан,
Бар ин гуна сахтӣ баровехтан».

Чунин посух овардаш Исфандёр,
Ки «Чандин чӣ гӯӣ ҳаме нобакор?

Аз айвон ба шабгир бархостӣ,
Аз он тундболо маро хостӣ.

Чаро сохтӣ бар[2] ман акнун фиреб,
Ҳамоно бидидӣ ба[3] тангӣ нишеб.

Чӣ бояд маро ҷанги Зобулситон,
Ҳамон[4] ҷанги Эрону Кобулситон?

Мабодо чунин ҳаргиз оини ман,*[5]
Сазо нест ин кор дар дини ман.*[6]

Ки эрониёнро ба куштан диҳем,
Худ андар ҷаҳон тоҷ бар сар ниҳем.

Манам пеш, ҳар гаҳ ки ҷанг оядам,
Агар пеш ҷангӣ паланг оядам.[7]

Туро гар ҳаме ёр бояд, биёр,
Маро ёр ҳаргиз наёяд ба кор[8].

---

1. И – б. 3443 нест.
2. ИЛМ – бо.
3. Л – расидаст.
4. И – дигар.
5. М – мо.
6. М – мо.
7. Л – Манам пешрав ҳар ки ояд ба ҷанг,
   Агар пеши ҷанги ман ояд паланг.
8. Л – бас бошадам кирдгор.

www.sattor.com

Маро ёр дар ҷанг Яздон бувад,
Сару кор бо бахти хандон бувад.

Туӣ ҷангҷӯву манам ҷангхоҳ,
Бигардем бо якдигар бесипоҳ.

Бубинем то аспи Исфандёр
Сӯи охур ояд ҳаме бесавор

Ва ё[1] бораи Рустами ҷангҷӯй[2]
Ба айвон ниҳад бехудованд рӯй».

Ниҳоданд паймон ду ҷангӣ, ки кас,
Набошад дар он ҷанг фарёдрас.[3]

Фаровон[4] ба найза баровехтанд,
Ҳаме хун зи ҷавшан фурӯ рехтанд.

Чунин то синонҳо ба ҳам барнишаст,
Ба шамшер бурданд ночор даст.

Ба овард гардан*[5] барафрохтанд,
Чапу рост ҳар сӯ[6] ҳаме тохтанд.

Зи нерӯи гурдону захми сарон*[7]
Шикаста шуд он теғҳои гарон.*[8]

Барафрохтанд он замон ёлро,
Зи зин баркашиданд кӯполро

Ҳаме рехтанд андар овард гурз,
Чу санг андарояд зи болои бурз.

---

1. И – гар.
2. ИЛМ – номҷӯй.
3. ТПЗ – Аз он пас ҳаме ҷангро хостанд,
   Набарди ялонӣ биёростанд.
4. Л – нахустин.
5. М – савор.
6. ИЛМ – ду.
7. М – теғҳоро канор.
8. М – Пур аз хашму.

www.sattor.com

Чу шери жаён ҳарду ошуфтанд,
Аз он захм*[4] андомҳо кӯфтанд.[1]

Ҳам аз даста бишкаста гурзи гарон,
Фурӯ монд аз кор дасти сарон.

Гирифтанд аз он пас дуволи камар.
Ду аспи таковар баровардa пар.

Яке буд ба дасти ял Исфандёр,
Дигар буд ба дасти гави номдор.

Ба нерӯ кашиданд зӣ хештан
Ду гурди сарафрозу ду пилтан.[2]

Ҳаме зӯр кард ин бар он, он бар ин,
Наҷунбид як шер аз пушти зин.

Пароканда гаштанд аз овардгоҳ[3]
Ғамӣ гашта гурдону[4] аспон табоҳ.[5]

Каф андар даҳоншон шуда хуну хок,
Ҳама кабру баргустувон чок-чок.

КУШТА ШУДАНИ ПИСАРОНИ ИСФАНДЁР АЗ ДАСТИ ЗАВОРА ВА ФАРОМАРЗ

Бад-он гаҳ, ки ҷанги ялон шуд дароз,
Ҳаме дер шуд Рустами Зол боз,[6]

Завора биёвард аз он сӯ сипоҳ
Яке лашкари доғдил кинахоҳ.

---

1. И –б. 3455 нест.
   Л – Чу шерони ҷангӣ барошуфтанд,
   Ҳаме бар сари якдигар кӯфтанд.
2. И – б. 3458, 3459 нест.
3. И – ҳарду савор.
4. Л – мардону.
5. И – Ғамин гашт аспон аз он корзор.
6. Л – сарафроз.

www.sattor.com

Ба эрониён гуфт: «Рустам куҷост,
Бад-ин рӯз хомӯш будан[1] чарост?

Шумо сӯи Рустам ба ҷанг омадед,
Хиромон[2] ба коми наҳанг омадед.

Ҳаме дасти Рустам бихоҳед баст,
Бар ин размгаҳ - бар нашояд нишаст.

Завора ба дашном лаб баркушод,
Ҳаме кард гуфтори нохуб ёд.

Барошуфт аз он пури Исфандёр,
Саворе буд аспафкану номдор.

Ҷавоне[3] ки Нӯшозараш буд ном,
Сарафрози он лашкару[4] шодком,

Барошуфт бо сагзӣ он номдор,
Забонро ба дашном букшод хор.

Чунин гуфт, к-«Эй сагзии бехирад,
Надонӣ, ки ҳар кас, ки дин парварад,[5]

Ба мардӣ бияндозад аз худ маниш,
Ба фармони шоҳон кунад парвариш.

Нафармуд моро ял Исфандёр
Чунин бо сагон сохтан корзор.[6]

Кӣ печад сар аз рою фармони ӯй,
Кӣ ёрад гузаштан зи паймони ӯй?

1. И – нишастан.
2. Л – ҳамоно.
3. И – саворе.
4. ИЛ – Сарафрозу ҷанговару.
5. ИМ – б. 3472 нест.
6. Л –б. 3472 – 3474 нест.

www.sattor.com

Кунун ар шумо[1] нодурустӣ кунед,
Ба ҷанг[2]-андарун пешдастӣ кунед,

Бубинед якбор ҷанговарон
Ба теғу синону ба гурзи гарон».

Завора бифармуд, к-«Андарниҳед[3]
Саронро зи хун тоҷ бар сар[4] ниҳед!»

Завора биёмад зи пушти[5] сипоҳ,
Деҳодеҳ баромад зи овардгоҳ.

Бикуштанд з-эрониён бешумор,
Чу Нӯшозар он дид, барсохт кор.

Саманди сарафрозро барнишаст,
Биёмад яке теғи ҳиндӣ ба даст.

В-аз он сӯ яке гурди лашкарпаноҳ
Биёмад, ки буд сарфарози сипоҳ,[6]

Ки он номвар[7] буд Алвой[8] ном,
Сарафрозу аспафкану шодком.[9]

Чу аз дур Нӯшозар ӯро бидид,
Бизад дасту теғ аз миён баркашид.

Баровард як захм зад бар сараш,
Зи бора ба хок андаромад бараш[10].

---

1. ЛМ – Агар ҷанг бар.
2. Л – кор.
3. ҷаҳед.
4. Л – бар сар афсар.
5. Л – Ҳамон гаҳ биёмад ба пеши.
6. ИЛ – б. 3482 нест.
7. ЛМ – яке номвар.
8. ИМ – Алво ба.
9. ТПЗИЛ – Кучо найзаи Рустам ӯ доштӣ,
   Паси пушти ӯ ҳеч нагзоштӣ.
10. ИМ –б. 3485 нест,
   Л – Яке теғ зад бар сару гарданаш,
   Ба ду ним шуд пилпайкар танаш:

www.sattor.com

Завора барангехт аспи набард,
Бишуд назди[1] Нӯшозар овоз кард,

Ки ӯро фикандӣ, кунун пой дор,
Ки Алвойро ман нахонам савор.

Завора яке найза зад бар сараш,
Ба хок андаромад ҳамон гаҳ бараш.[2]

Чу Нӯшозари номвар кушта шуд,
Сипаҳро ҳама рӯз баргашта шуд.

Бародар-ш гирёну дил пурхурӯш,
Ҷавоне ки буд номи ӯ Меҳрнӯш,

Ғамӣ шуд дили марди шамшерзан,
Барангехт он бораи пилтан.

Бирафт аз миёни сипаҳ пеши саф,
Зи дарди ҷигар бар лаб оварда каф.

В-аз он сӯ Фаромарз чун пили маст
Биёмад яке теғи ҳиндӣ ба даст.

Баровехт бо номвар[3] Меҳрнӯш,
Дурӯя зи лашкар баромад хурӯш.

Гиромӣ ду пархошҷӯи ҷавон
Яке шоҳзода, яке*[4] паҳлавон.

Чу шерони ҷангӣ барошуфтанд,
Ҳаме теғ бар якдигар кӯфтанд.

ТПЗИ – Бизад бар сару тарги он номдор,
Ба ду нима шуд то миёни савор.

1. ИЛМ – Ба тундӣ.
2. ТПЗ – Бикушт онҷунон шоҳи озодро,
Ва ногаҳ ба як захм бедодро.
3. Л – ӯ ҳаме.
4. М – дигар.

www.sattor.com

Ба овардгаҳ тез шуд Меҳрнӯш,
Набудаш ҳаме бо Фаромарз тӯш.[1]

Яке теғ ёзид,[2] к-ӯро занад,
Сари номдораш ба хок афканад.

Бизад теғ бар гардани аспи хеш,
Сари бодпой андаромад ба пеш.

Фаромарз кардаш пиёда табоҳ,
Зи хун лаъл шуд хоки овардгоҳ,

Чу Баҳман бародар-шро кушта дид,
Замин зери ӯ чун гил оғушта дид,

Биёмад ба наздики Исфандёр,
Ба ҷое ки буд оташи корзор.

Бад-ӯ гуфт к-«Эй боби равшанравон,[3]
Сипоҳе ба ҷанг омад аз сагзиён.

Ду пури ту Нӯшозару Меҳрнӯш,
Ба зорӣ ба сагзӣ супурданд ҳуш.

Ту андар набардиву мо пур зи дард,
Ҷавонону кайзодагон[4] зери гард.

Бар ин тухма-бар[5] нанг то ҷовидон
Бимонад зи кирдори нобихрадон».

Дили марди бедор шуд пур зи хашм,
Пур аз бод лабҳо, пур аз об чашм.

---

1. И – 3495 – 3497 нест.
2. ИЛ – бугзорд.
3. ИЛМ – наррашери жиён.
4. Л – озодагон.
5. Л – тухма аз, И – тухма ин.

www.sattor.com

Ба Рустам чунин гуфт, к-«Эй девзод,[1]
Чаро гаштӣ аз роҳи оину дод?[2]

Нагуфтӣ,*[3] ки лашкар наёрам ба ҷанг?
Туро нест ороишу ному нанг,

Надорӣ зи ман шарм в-аз кирдгор,
Натарсӣ, ки пурсад ба рӯзи шумор?

Надонӣ, ки мардони паймоншикан
Ситуда набошанд дар анҷуман.

Ду сагзӣ ду пури маро куштаанд
В-аз он хирагӣ ҳам набаргаштаанд».

Чу бишнид Рустам, ғамӣ[4] гашт сахт,
Биларзид бар сони шохи[5] дарахт.

Ба ҷону сари шоҳ савганд х(в)ард,
Ба хуршеду шамшеру дашти набард,

Ки «Ин[6] ҷанг ҳаргиз нафармудаам,
Касеро ки ин кард, настудаам.

Бубандам ду дасти бародар кунун,
Ки ӯ буд андар бадӣ раҳнамун.

Фаромарзро низ баста ду даст
Биёрам бари шоҳи яздонпараст.

Ба кини гаронмоягон-шон бикуш,
Машӯрон бар ин кор беҳуда ҳуш».

Чунин гуфт бо Рустам Исфандёр,
Ки «Бар хуни товус агар хуни мор

---

1. ИМ – бад нишон.
2. ИМ – Чунин аст паймони гарданкашон?
3. М – Ту гуфтӣ.
4. И – ғамин.
5. И – барги.
6. ЛМ – ман.

www.sattor.com

Бирезем, нохубу нох(в)аш бувад,
На оини шоҳони саркаш бувад.

Ту, эй баднишон, чораи хеш соз,
Ки омад замонат ба тангӣ фароз.

Тани Рахш бо ҳарду ронат ба тир,
Баромезам акнун чу бо об шир.

Бад-он то кас аз бандагон з-ин сипас
Нарезанд хуни[1] худованд кас.

Агар зинда бошӣ, бубандам-т чанг,
Ба наздики шоҳат барам бедиранг.

Вагар[2] кушта оӣ зи[3] пайкони тир,
Ба хуни[4] ду пури гаронмоя гир».

Бад-ӯ гуфт Рустам, к-«Аз ин гуфтугӯй
Чӣ ояд,[5] магар кам шавад обрӯй.[6]

Ба Яздон паноҳу ба Яздон гирой,
Ки ӯй аст бар некуӣ[7] раҳнамой.[8]

ГУРЕХТАНИ РУСТАМ БА БОЛОИ КӮҲ

Камон баргирифтанду тири ҳаданг,
Ҳаме гум шуд аз рӯи хуршед ранг.

---

1. Л – наҷӯяд кин бо.
2. И – Агар.
3. И –ба.
4. ИМ – кини.
5. И – бошад.
6. И – пас аз б. 3526 ин б. омада:

   Ман аз панд бо ту чӣ гӯям кунун?
   Ду пурат фитода ба хок - андарун.
   Ба ҳар ҷой бо мардуми тезрой
   Чӣ гуна тавонам будан раҳнамой?
   Кунун беҳуда гуфтугӯят чӣ суд,
   Ки ин ҳарду пури туро кор буд.
7. Л – неку бад.
8. ТПЗ – Бигуфт ину бар кард рахшанда Рахш
   Биғуррид аз кин яли тоҷбахш.

www.sattor.com

Зи пайкон ҳаме оташ афрӯхтанд,
Ба тан-бар зиреҳро ҳаме дӯхтанд.

Дил Исфандёр андар[1] он танг шуд,
Бурӯҳои[2] чеҳраш пурожанг шуд.

Чу ӯ даст бурдӣ ба тиру камон,
Нарастӣ кас аз шасти[3] ӯ бегумон.[4]

Ба тире ки пайконаш алмос буд,
Зиреҳ пеши ӯ ҳамчу қиртос буд.

Чу ӯ аз камон тир букшоду шаст,
Тани Рустаму Рахши ҷангӣ бихаст.

Ҳаме тохт бар гирдаш Исфандёр,
Наёмад бар ӯ тири Рустам ба кор.

Чу тир аз кафи шоҳ раста[5] шудӣ,
Тани Рустаму Рахш[6] хаста шудӣ.

Бад-ӯ[7] тири Рустам наёмад[8] ба кор,
Фурӯ монд Рустам аз он корзор.

Бигуфт он гаҳе Рустами номдор,
Ки рӯинтан аст ин ял Исфандёр.[9]

Тани Рахш аз ин тирҳо гашт суст,
Набуд бораву марди ҷангӣ дуруст.

---

1. Л – Дили шоҳи Эрон аз.
2. Л – Бурӯҳову.
3. ИЛ – тири.
4. ТПЗИ – Яке чархро баркашид он далер,*
   Ки хуршедро ранг шуд чун зарир.**
   * И – шуҷоъ; ** И – Ту гуфтӣ, ки хуршед шуд бо шуоъ.
5. Л – ҷаста.
6. Л – Рустам аз тир.
7. И – бар ӯ.
8. И – Чу н-омад.
9. И –б. 3536 нест.

www.sattor.com

Чу монда шуд аз кор Рахшу савор,
Яке чора созид бечоравор.[1]

Фуруд омад аз Рахши рахшон[2] чу бод,
Сари номвар сӯи боло ниҳод.

Ҳамон Рахши хаста[3] сӯи хона шуд,
Чунин бо худованд бегона шуд.

Зи андоми Рустам ҳаме рафт хун,
Шуда сусту ларзон кӯҳи Бесутун.

Бихандид чун дидаш Исфандёр
Бад-ӯ гуфт, к-«Эй Рустами*[4] номдор,

Чаро кам шуд он нерӯи пили маст,
Зи пайкон чаро кӯҳи оҳан бихаст?

Куҷо рафт он мардиву гурзи ту,
Ба разм-андарун фарраву бурзи ту?

Гурезон ба боло чаро бар шудӣ,
Чу овози шери жаён бишнудӣ?

На*[5] онӣ, ки дев аз ту гирён шудӣ,
Дад аз таффи теғи ту бирён шудӣ?

Чаро пили[6] ҷангӣ чу рӯбоҳ гашт,[7]
Зи ҷангаш[8] чунин даст кӯтоҳ гашт?»[9]

В-аз он рӯй чун Рахши хаста бирафт,
Сӯи пойгаҳ мехиромид тафт,[10]

---

1. И – б. 3539 нест.
2. ЛМ – Рахш Рустам.
3. И – рахшон.
4. М – Меҳтари.
5. М – Ту.
6. И – шери.
7. ИЛ – шуд.
8. Л – размаш.
9. ИЛ – шуд.
10. ИЛМ – б. 3549 нест.

www.sattor.com

Завора паи Рахши рахшон бидид,
Ки аз дур бо хастагӣ даррасид.

Сияҳ шуд ҷаҳон пеши чашмаш ба ранг,
Хурӯшон ҳаме рафт*[1] то ҷои ҷанг.

Тани пилтанро чунон[2] хаста дид,
Ҳама хастагиҳош нобаста дид.

Бад-ӯ гуфт: «Хез, аспи ман барнишин,
Ки пӯшам зи баҳри ту хафтони кин».

Бад-ӯ гуфт: «Рав пеши Дастон, бигӯй,
Ки аз дудаи Сом шуд рангу бӯй.

Нигаҳ кун, ки то чораи кор чист,
Бар ин хастагиҳо пурозор кист?

Гар аз захми пайкони Исфандёр
Шаберо сар орам бад-ин рӯзгор,

Чунон донам, эй Зол, к-имрӯз ман
Зи модар бизодам дар ин анҷуман.[3]

Чу рафтӣ, ҳама чораи Рахш соз,
Ман оям зи пас, гар*[4] бимонам дароз».

Завора зи пеши бародар бирафт,
Ду дида сӯи Рахш бинҳод тафт.

Замоне ҳаме буд, Исфандёр
Хурӯшид, к-«Эй Рустами номдор,

Ба боло чунин чанд бошӣ ба пой,
Кӣ хоҳад будан мар туро раҳнамой?

1. М – Ҳаме тохт.
2. Л – пири ҷангӣ чунон; И – марди ҷангӣ чунон.
3. И –б. 3557 нест.
4. М – Кунун гар.

www.sattor.com

Камон бифкан аз дасту бабри баён
Бароҳеху букшой банд аз миён.

Пушаймон шаву дастро деҳ ба банд,
К-аз ин пас наёбӣ ту аз ман газанд.

Бад-ин хастагӣ пеши[1] шоҳат барам,
Зи кирдорҳо бегуноҳат барам.

Вагар ҷангсозӣ[2] ту андарз кун,
Якеро нигаҳбони ин марз кун.

Гуноҳе ки кардӣ, зи Яздон бихоҳ,
Ба пӯзиш сазад гар, бубахшад гуноҳ.

Магар додгар бошадат раҳнамой,
Чу берун равӣ[3] з-ин сипанҷӣ сарой».

Чунин гуфт Рустам, ки «Бегоҳ гашт,[4]
Зи неку зи бад*[5] даст кӯтоҳ гашт.[6]

Ту акнун сӯи лашкарат бозгард,
Шаби тира кас менаҷӯяд набард.

Ман акнун ҳаме сӯи айвон шавам,
Биёсояму як замон биғнавам.

Бубандам ҳама хастагиҳои хеш,
Бихонам касеро зи хешон ба пеш.

Завора, Фаромарзу Дастони Сом
Касеро зи хешон ки доранд ном,

Бисозам кунун, ҳарчӣ фармони туст,
Ҳама ростӣ зери паймони туст».

1. Л – назди.
2. Л – ҷӯй.
3. ИЛ – шавӣ.
4. Л – шуд.
5. М – Зи разм ин замон.
6. Л – шуд.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт рӯинтан Исфандёр,
Ки «Эй пурманиш, пири носозгор,

Ту марди бузургиву зӯрозмой,
Басе чора дониву найрангу рой,

Бидидам саросар*[1] фиреби туро,
Бихоҳам, ки бинам нишеби туро.

Ба ҷон имшабе додамат зинҳор,
Ба айвон расӣ, коми каҷжӣ махор.

Сухан ҳарчӣ пазруфтӣ аз ман, бикун
В-аз ин пас мапаймой бо ман сухун».

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Эдун кунам,
Ки бар хастагиҳо-бар афсун кунам».

Чу баргашт аз пеши Исфандёр,
Нигаҳ кард, то чун шавад номдор.

Гузар кард пурхастагиҳо ба об,
Аз он захми пайкон шуда пуршитоб.

Чу бугзашт Рустам чу киштӣ зи рӯд,
Зи Яздон ҳаме дод танро дуруд.

Ҳаме гуфт, к-«Эй довари додпок,
Гар аз хастагиҳо шавам ман ҳалок,

Кӣ хоҳад зи гарданкашон кини ман,
Кӣ гирад дилу рою оини ман?»

Чу Исфандёр, аз пасаш бингарид,
Бар он сӯи рудаш ба хушкӣ бидид,

Ҳаме гуфт, к-онро[2] нахонанд мард,
Яке жандапил аст бо дору бард.

---

1. М – ҳаме ман.
2. ИЛ – К-инро.

www.sattor.com

Шигифте фурӯ монд Исфандёр,
Ҳаме гуфт, к-«Эй довари кирдгор,

Чунон офаридӣ, ки худ хостӣ,
Замону заминро биёростӣ».[1]

Чу гуфт ин сухан, шоҳ шуд[2] боз ҷой,
Хурӯшидан омад зи пардасарой.

Зи Нӯшозари гурд в-аз Меҳрнӯш,
Башутан биёмад бараш бо хурӯш.[3]

Саропардаи шоҳ пурхок буд,
Ҳама ҷомаи меҳтарон чок буд.

Фуруд омад аз бора Исфандёр,
Ниҳод он сари куштагон дарканор.

Ҳаме гуфт зор: «Эй ду гурди ҷавон,
Куҷо шуд аз ин колбадтон равон?»[4]

Чунин гуфт пас бо Башутан, ки «Хез,
Бар ин куштагон оби дида[5*6] марез,

Ки суде набинам зи хунрехтан,
Нашояд ба ҷон - андар овехтан.

Ҳама маргроем барнову пир,
Ба рафтан хирад бодамон дастгир.

Ба тобути заррину дар маҳди соҷ
Фиристодашон зӣ худованди тоҷ.

---

1. ТПЗ – Сипос аз Худое, ки ҷон офарид,
Замину замону макон офарид,
Ки бар ман надодаш бад-ин разм даст,
Бар ӯ омад аз ман бад-ин сон шикаст.
2. ИЛМ – Бад-он гаҳ, ки шуд номвар.
3. Л – пур аз дарду ҷӯш.
4. Л – Ки шуд ҷони ширинатон ройгон.
5. И – хунӣ: Л – об чандин.
6. М – оби хунун.

www.sattor.com

Паёме фиристод назди падар,
Ки он шохи рои ту омад ба бар.

Ту киштӣ ба об-андар андохтӣ,
Зи Рустам ҳаме чокаре сохтӣ.

Чу тобути Нӯшозару Меҳрнӯш
Бубинӣ, ба озор[1] чандин макӯш.

Ба чарм - андар аст гови Исфандёр,
Надонам чӣ пеш оварад*[2] рӯзгор.[3]

Нишаст аз бари тахт бо сӯгу дард,
Суханҳои Рустам ҳама ёд кард.

Чунин гуфт пас бо Башутан, ки «Шер
Бупечад зи чанголи марди далер,

Ба Рустам нигаҳ кардам имрӯз ман
Бад-он бурзу болои он пилтан,

Ситоиш гирифтам ба Яздони пок,
К-аз ӯй аст уммеду з-ӯй аст бок.

Ки парвардгораш чунон[4] офарид,
Бар он офарин, к-ӯ ҷаҳон офарид.

Чунин корҳо рафт бар дасти ӯй,
Расида ба дарёи Чин*[5] шасти ӯй.

Ҳаме баркашидӣ зи дарё наҳанг,
Ба дам даркашидӣ ба ҳомун паланг.

Бад-он сон бихастам танашро ба тир,
Ки аз хуни ӯ хок гашт обгир.

1. Л – ту дароз, И – ту бар оз.
2. М – чӣ ёбад бар аз.
3. ТПЗ – Ту бар тахт нозиву ӯ дар гудоз.
   Намонад туро ҷовидон тахти ноз.
4. И – парвардгорончунон.
5. М – ба дарёи Чин - дар будӣ.

www.sattor.com

Пиёда зи ҳомун ба боло бирафт
Сӯи рӯд бо кабру шамшер тафт.

Баромад чунон хаста аз обгир,
Саросар танаш пур зи пайкони тир.

Бар онам, ки ӯ чун ба айвон шавад,[1]
Зи айвон равонаш[2] ба кайвон шавад.[3]

РОЙ ЗАДАНИ РУСТАМ БО ХЕШОН

В-аз он рӯй Рустам ба айвон расид,
Мар ӯро бад-он гуна Дастон бидид.[4]

Завора, Фаромарз гирён шуданд
В-аз он хастагиҳош бирён шуданд.

Зи сар бар ҳаме канд Рӯдоба мӯй,
Бар овози эшон[5] ҳаме хаст[6] рӯй.

Биёмад Завора кушода[7] миён,
Аз ӯ кабр букшоду[8] бабри баён.

Ҳар он кас, ки доно буд аз кишвараш,
Нишастанд яксар ҳама бар[9] дараш.

Бифармуд, то Рахшро пеши ӯй
Бибурданд ҳар кас, ки буд чораҷӯй.

Чаҳондида[10] Дастон ҳаме канд мӯй,
Бар он хастагиҳо бимолид рӯй.

---

1. Л – расад.
2. Л – равонаш зи айвон.
3. Л – расад.
4. ТПЗЛ – Чу Рустам ба айвон шуд, андар замон
Бар ӯ гирд шуд сар ба сар дудмон.
5. И – инон.
6. И – Ҳама хаста.
7. Л – Завора ба зудӣ кушодаш.
8. Л – баркашиданд.
9. Л – дар.
10. ИЛМ – гаронмоя.

www.sattor.com

Ҳаме гуфт: «Ман зинда бо пирсар,
Бад-ин сон бидидам гиромиписар».

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Нолиш[1] чӣ суд,
Ки ин з-осмон буданӣ кор буд.

Ба пеш аст коре ки душвортар
В-аз ӯ ҷони ман зи пур зи тимортар,

Ки ман ҳамчу[2] рӯинтан Исфандёр
Надидам ба мардӣ гаҳи корзор.[3]

Расидам ба ҳар сӯ ба гирди ҷаҳон,
Хабар ёфтам з-ошкору ниҳон.

Гирифтам камаргоҳи деви сапед,
Задам бар замин ҳамчу як шохи бед.[4]

Хадангам зи сандон гузар ёфтӣ,
Забун доштӣ, гар сипар ёфтӣ.

Задам чанд бар кабри Исфандёр,
Чунон буд, ки бар санг резанд хор.[5]

Ҳамон теғи ман гар бидидӣ паланг,
Ниҳон доштӣ хештан зери санг.

Надаррад ҳаме ҷавшан андар бараш,
На як*[6] пораи парниён бар сараш.

В-агарчанд ман низ пӯзиш кунам,
Ки ин сангдилро фурӯзиш кунам.

---

1. к-аз ин ғам.
2. Л – Ба гетӣ чу.
3. И – б. 3623 нест.
4. ТПЗИМ – Битобам ҳаме сар зи Исфандёр
   Аз он зӯру он бахшиши корзор.
5. ТПЗИ – Агар бурдаме дастро сӯи санг,
   Ба чангам шудӣ* санг чун бодранг,
   Гирифтам камарбанди Исфандёр,
   Гироянда дасти маро дошт хор.
   * И – дастам будӣ.
6. М – он.

www.sattor.com

Наҷӯяд зи ман ҷуз ҳама нох(в)ашӣ
Ба гуфтору кирдор бо саркашӣ.

Сипосам зи Яздон, ки шаб тира шуд,
Варо дида аз тирагӣ[1] хира шуд.

Бирастам ман аз чанги ин аждаҳо,
Надонам, ки чун ҷуст хоҳам[2]*[3] баҳо.

Чу андешам акнун, ҷуз ин нест рой,
Ки фардо бигардонам аз Рахш пой.

Ба ҷое равам, к-ӯ[4] наёбад нишон,
Ба Зобулситон гӯ бикун[5] сар фишон.

Саранҷом аз ин кор серояд ӯй,
Агарчи зи бад сер дер ояд ӯй».

Бад-ӯ гуфт Зол: «Эй писар гӯш[6] дор
Сухан чун ба пой оварӣ, ҳуш[7] дор.

Ҳама корҳои ҷаҳонро дар аст,
Магар маргро, к-он дари дигар аст.

Яке чора донам[8] ман инро гузин,
Ки Симурғро ёр хонам бар[9] ин.

Гар[10] ӯ бошадам з-ин сипас[11] раҳнамой,
Бимонад ба мо марзу кишвар[12] ба ҷой.

1. ИМ – Бад-он тирагӣ чашми ӯ.
2. Л – к-аз ин хаста ёбам.
3. М – К-аз ин растан оям.
4. Л – кам; И – шавам к-ам.
5. Л – гар кунад. И – Зобулситон гар кунад.
6. Л – хуш.
7. Л – бигӯям ҳама гӯш.
8. Л – Созам; И – дорам.
9. Л – дар.
10. Л –Ки.
11. Л – сухан.
12. Л – магар кишвару бум.

www.sattor.com

Вагарна шавад буми мо пургазанд
Аз Исфандёр, он яли бадписанд».

ЧОРА СОХТАНИ СИМУРҒ РУСТАМРО

Чу гаштанд[1] ҳар ду бар он рой тунд,[2]
Гузин Зол омад ба болои тунд.[3]

Аз айвон се миҷмар пуроташ бибурд,
Бирафтанд бо ӯ се ҳушёр гурд.

Фусунгар чу бар теғи боло расид,
Зи дебо яке пар ба*[4] берун кашид.

Ба[5] миҷмар яке оташе барфурӯхт,
Бар оташ аз он пар-ш[6] лахте бисӯхт.

Чу як пос аз[7] тирашаб даргузашт,
Чу гуфтӣ, ки рӯи ҳаво тира[8] гашт.

Нигаҳ кард Зол он гаҳе аз фароз,
Зи Симурғ дидаш ҳаво пуртароз.[9]

Ҳамон гаҳ чу мурғ аз ҳаво бингарид,
Ду рахшидани оташи тез дид.

Нишаста бараш Зол бо доғу дард,
Зи афроз мурғ андаромад ба гард.

Чу Симурғро дид Зол аз фароз,
Ситудаш фаровону бурдаш намоз.

1. Л – Чу гаштанд.
2. Л – рoйманд.
3. Л – боло баланд.
4. М – парр.
5. Л – зи.
6. Л – парр, ИМ – Зи болой он парр.
7. Л – посе аз он.
8. ИМ – ҳаво чун сиёҳабр.
9. ИМ – б. 3647 нест.

www.sattor.com

Ба пешаш се миҷмар пур аз бӯй кард,
Зи хуни ҷигар бар рухаш ҷӯй кард.

Бад-ӯ гуфт Симурғ: «Шоҳо, чӣ буд,
Ки омад бад-ин сон ниёзат ба дуд?»

Бад-ӯ*[1] гуфт, к-«Ин бад ба душман расод,
Ки бар ман расид аз бади баднажод.

Тани Рустами шердил хаста шуд,
Зи тимори ӯ[2] пои ман баста шуд.

Аз он хастагӣ бими ҷон асту бас,
Бар он гуна хаста надидаст кас.

Ҳамон Рахш гӯӣ, ки беҷон шудаст,
Зи пайкон чунон зору печон шудаст.

Биёмад бар ин кишвар Исфандёр,
Накӯбад*[3] ҳаме ҷуз дари корзор.

Нахоҳад ҳаме кишвару тоҷу тахт,
Буну бор[4] хоҳад ҳаме аз дарахт».

Бад-ӯ[5] гуфт Симурғ, к-«Эй паҳлавон,
Мабош андар ин кор хастаравон.

Сазад гар намоӣ ба ман Рахшро,
Ҳам он сарфарози ҷаҳонбахшро.

Касе сӯи Рустам фиристод Зол,
Ки лахте ба чора барафроз ёл.

1. М – парвон.
*2 М – Чунин.
2. Л – аз он хастагӣ.
3. М – Наҷӯяд.
4. Л – бару беҳ.
5. И – ҳаме.

www.sattor.com

Бифармой то Рахшро ҳамчунон
Биёранд пешаш ҳам[1] андар замон,[2]

Чу Рустам бар он тундболо расид,
Ҳамон мурғ равшанравонро бидид,

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй жандапили баланд,
Зи дасти кӣ гаштӣ чунин дардманд?[3]

3665 Чаро разм ҷустӣ зи Исфандёр,
Ҳаме оташ афкандӣ андар канор?»

Бад-ӯ гуфт Зол «Эй худованди меҳр,
Чу акнун намудӣ ба мо пок чеҳр.

Гар эдун, ки Рустам нагардад дуруст,
Куҷо хоҳам андар ҷаҳон ҷой ҷуст?

Ҳама Систон пок вайрон кунанд,
Куноми палангону шерон кунанд.[4]

Шавад канда ин тухмаи мо зи бун,
Кунун бар чӣ ронем бо ӯ сухун?»

3670 Нигаҳ кард мурғ андар он хастагӣ
Биҷуст андар ӯ рӯи*[5] пайвастагӣ.

Ба минқор аз он хастагӣ хун кашид
В-аз ӯ ҳашт*[6] пайкон ба берун кашид.

1. Л – пеши ман.
2. Л – пас аз б. 3662 ин б. омада:
   Худу Рахш ҳарду ба боло барой,
   Ки эдар падид оядат раҳнамой.
   ТПЗЛ – Хабар чун ба наздики Рустам расид,
   Худу Рахш ҳарду ба боло кашид.
3. И –б. 3663, 3664 нест; ЛЗ – бад-инсон нажанд.
4. Л –б. 3668 нест.
5. М – низ.
6. М – Аз ӯ чор.

www.sattor.com

Бар он хастагиҳош молид*[1] пар,
Ҳам андар замон гашт бо зӯру фар.

Бад-ӯ гуфт: «Ин[2] хастагиҳо бубанд,
Ҳаме бош як ҳафта дур аз газанд.

Яке парри ман тар бигардон ба шир,
Бимол андар он хастагиҳои тир».

Бар он ҳам нишон Рахшро пеш хост,
Бад-ӯ ҳамчунон кард минқор рост.

Бурун кард пайкон шаш аз гарданаш,
Набуд эч пайкон дигар дар*[3] танаш.

Ҳамон гаҳ хурӯше баровард Рахш,
Бихандид шодон дили тоҷбахш.

Бад-ӯ гуфт Симурғ, к-«Эй*[4] пилтан,
Туӣ номдори ҳама анҷуман.

Чаро разм ҷустӣ зи Исфандёр,
Ки ӯ ҳаст рӯинтану номдор?»

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Гар ӯ зи банд
Нагуфтӣ, нагаштӣ дили ман нажанд.

Маро куштан осонтар ояд зи нанг,
Агар бозмонам ба сахтӣ*[5] зи ҷанг».

Чунин*[6] дод посух, к-«Аз Исфандёр
Агар сар ба хок оварӣ, нест ор,

1. М – хастагиҳо бимолид.
2. ИЛМ – К-ин.
3. М – хаста ё баста ҷое.
4. М – мурғ, эй.
5. М – ба ҷое.
6. М – Бад-ӯ.

www.sattor.com

Ки ӯ ҳаст шаҳзодаву размзан,
Фари эзадӣ дорад он поктан.[1]

Гар эдун, ки бо ман*[2] ту паймон кунӣ,
Сар аз ҷанг ҷустан пушаймон кунӣ.

Наҷӯӣ фузунӣ зи[3] Исфандёр
Гаҳи кинаву[4] кӯшиши корзор.

Ту ӯро кунӣ лоба*[5] фардо ба пеш,
Фидо дорӣ ӯро тану ҷони хеш.[6]

Гар эдун, ки ӯро сар ояд замон,
Наандешад аз пӯзишат бегумон,

Пас он гаҳ яке чора созам туро,
Ба хуршед сар барфарозам туро».

Чу бишнид Рустам, аз ӯ*[7] шод гашт
В-аз андешаи ҷангаш озод гашт.

Бад-ӯ гуфт, к-«Аз гуфти ту нагзарам,
Агар теғ борад ҳаво бар сарам».

Бад-ӯ гуфт Симурғ, к-«Аз роҳи меҳр
Бигӯям ҳаме бо ту рози сипеҳр,[8]

---

1. И – б. 3683 нест; Л – дораду зӯри тан.
   ТПЗ – Ки андар замона чун ӯ кас нахост,
   Бад-ӯ дорад Эрон ҳаме пушт рост.
   Л – пас аз б. 3683 ин б. омада:
   Бипарҳезӣ аз худ, набошад шигифт,
   Маро аз худ андоза бояд гирифт,
   Ки он ҷуфти ман мурғи бодастгоҳ
   Ба дастон зи шамшер кардаш табоҳ.
2. М – Агар бо ман акнун.
3. ИЛ – бар.
4. ИЛ – На дар ҷустану.
5. М – Яке лова овар ту.
6. И – б. 3686 нест.
7. М – Бад-он.
8. И – б. 3690, 3691 нест.

www.sattor.com

Ки ҳар кас ки хуни ял Исфандёр
Бирезад, варо бишкарад рӯзгор.

Ҳамон низ то зинда бошад, зи ранҷ,
Раҳоӣ наёбад, намонад-ш ганҷ.

Бад-ин гетӣ аз[1] шӯрбахтӣ бувад,
Чу бугзашт, дар[2] ранҷу сахтӣ бувад.

Бад-ин гуфта[3] ҳамдостон гар шудӣ,[4]
Ба душман-бар[5] акнун диловар шудӣ.[6]

Шигифте намоям ҳам имшаб туро,
Бубандам*[7] зи гуфтори бад лаб туро».[8]

Бад-ӯ гуфт: «Рав Рахшро[9] барнишин,
Яке ханҷари обгун баргузин».[10]

Чу бишнид Рустам, миёнро бубаст
В-аз он ҷойгаҳ Рахшро барнишаст.

Ҳаме ронд то пеши дарё расид,
Зи Симурғ рӯи ҳаво тира дид.

---

1. ИЛ – куштанаш.
2. ИЛ – В-агар бугзарад.
3. Л – сон.
4. Л –шовӣ.
5. Л – душман ту.
6. Л – шавӣ.
7. М – Бидӯзам.
8. ТПЗ – Бад-ӯ гуфт Рустам, ки ҳамдостон
Шудам ман, кунун ҳарчи хоҳӣ бирон.
Ҷаҳон ёдгор асту мо рафтанӣ,
Зи мардум намонад ҷуз аз гуфтанӣ,
Ба номи накӯ гар бимирам, равост,
Маро ном бояд, ки тан маргрост.
9. ИЛМ – Бирав, Рахши рахшандаро.
10. ТПЗ – Ҳамехон ту бар кирдгор офарин,
В-аз эдар бирав сӯи дарёи Чин,
Маяндеш аз роҳи дуру дароз,
Ки имшаб расонам-т он ҷо фароз.
Бад-он бешае-дар дарахтест газ,
Ситабр асту парварда аз оби раз.
Намоям туро ман гаронмоя чӯб,
Бипардозу з-он мағзи душман бикӯб.

www.sattor.com

Чу омад ба наздики дарё фароз,
Фуруд омад он мурғи гарданфароз.[1]

Газе дид бар хок, сар бар ҳаво,
Нишаст аз бараш мурғи фармонраво.

Ба Рустам намуд он замон роҳи хушк,
Ҳаме омад аз боди ӯ бӯи мушк.[2]

Бифармуд, то рафт Рустам ба пеш
Бимолид бар торакаш парри хеш.

Бад-ӯ гуфт: «Шохе гузин росттар,
Сараш бартару тан-ш баркосттар.

Бад-ин газ бувад ҳуши Исфандёр,
Ту ин чӯбро хормоя мадор.

Бар оташ-бар ин чӯбро рост кун,
Ҳаме нағз пайкон нигаҳ кун куҳун.

Се парру ду пайкон бад-ӯ дарнишон,
Намудам туро аз газандаш нишон».

Чу бубрид Рустам буни шохи газ,
Биёмад зи дарё ба айвону даз.

Бад-он раҳ, ки Симурғ буд раҳнамой,
Ҳаме буд бар торакаш-бар ба пой.

Бад-ӯ гуфт: «Акнун чу Исфандёр
Биёяд, ки ҷӯяд зи ту корзор,

Ту хоҳиш куну ҷӯй аз ӯ ростӣ,
Мазан ҳеч гуна дари костӣ.

Магар бозгардад ба ширинсухан.
Ба ёд оядаш рӯзгори куҳан,

1. И – б. 3700 нест.
2. И – б. 3702 нест.

www.sattor.com

Ки ту чанд гаҳ будӣ*[1] андар ҷаҳон
Ба ранҷу ба сахтӣ зи баҳри меҳон.

Чу пӯзиш кунӣ чанду напзирадат,
Ҳаме аз фурӯмоягон гирадат,

Ба зеҳ кун камонрову ин тири газ
Бад-ин гуна парвардаи[2] оби раз,

Абар чашми ӯ рост кун ҳарду даст,
Чунон чун бувад мардуми газпараст.

Замона барад рост онро ба чашм,
Шавад кӯру бахт андарояд[3] ба хашм».

Тани Зол Симурғ[4] падруд кард,
Аз ӯ тор в-аз хештан пуд кард.

В-аз[5] он ҷойгаҳ шоддил барпарид,
Чу андар ҳаво Рустам ӯро бидид,

Яке оташи хуб дархост кард,
Ҳамон чӯби газро бар он рост кард.

Ҳаме тири[6]*[7] пайкон бар ӯ барнишонд,
Чу шуд рост, парҳо бад-ӯ дарнишонд.

БОЗГАШТАНИ РУСТАМ БА ҶАНГИ ИСФАНДЁР

Сапеда ҳамонгаҳ*[8] зи кӯҳ бардамид,
Миёни шаби тира - андар хамид.

1. М – пӯпдӣ.
2. ИЛ – парварда дар.
3. Л – Бад он гаҳ, ки бахт андаромад.
4. ИЛ – Золро мурғ.
5. Л – Аз.
6. ИЛ – яке тез.
7. М – Ҳаме тез.
8. М – сапедадам он гаҳ.

www.sattor.com

Бипӯшид Рустам силеҳи[1] набард.
Басе[2] аз ҷаҳонофарин ёд кард.[3]

Чу омад бари лашкари номдор,
Ки кин ҷӯяду размаи Исфандёр.

Сарафроз шуд Рустами чораҷӯй,
Хурӯше баровард беғораҷӯй,

Ки «Эй шердил, чанд*[4] хусбӣ чунин,
Ки Рустам ниҳодаст бар Рахш зин?

Ту бархез акнун*[5] аз ин хоби х(в)аш,
Баровез бо Рустами кинакаш».[6]

Чу бишнид овозаш Исфандёр,
Силеҳи ҷаҳон пеши[7] ӯ гашт хор.

Чунин гуфт пеши Башутан, ки «Шер
Бари марди ҷоду набошад далер.

Гумоне набурдам, ки Рустам зи роҳ
Ба айвон кашад кабру бабру кулоҳ.

Ҳамон борагӣ Рахш зер - андараш,
Зи пайкон набуд эч пайдо бараш.

Шунидам, ки Дастони ҷодупараст
Ба ҳар кор ёзад ба хуршед даст.

Чу хашм орад, аз ҷодувон бугзарад,
Баробар нагардад ҳаме бо хирад».

1. И – силоҳи.
2. ИЛМ – ҳаме.
3. ТПЗ – Нишаст аз бари кӯҳаи жандапил,
Ҳаме шуд чу киштӣ ба дарёи Нил.
4. М – размҷӯё чӣ.
5. М – Бад-ӯ гуфт.
6. И – б. 3724 – 3727 нест.
7. Л – назди.

www.sattor.com

Башутан бад-ӯ гуфт бо оби чашм,
Ки «Бар душманат бод тимору хашм.

Чӣ будат, ки имрӯз пажмурдаӣ,
Ҳамоно, ки шаб хоб нокардаӣ?

Миёни ҷаҳон[1] ин ду ялро чӣ буд,
Ки чандин ҳаме ранҷ бояд фузуд?

Надонам, ки бахти кӣ шуд кундрав,
Ки кин оварад ҳар замон нав ба нав».

Бипӯшид ҷавшан ял Исфандёр,
Биёмад бари Рустами номдор[2].

Хурӯшид, чун рӯи Рустам бидид,
Ки «Номи ту бод аз ҷаҳон нопадид![3]

Фаромӯш кардӣ ту, сагзӣ, магар
Камону бари марди[4] пархошхар?

Ту аз ҷодуи Зол гаштӣ дуруст,
В-агарна канорат*[5] ҳаме дахма ҷуст.

Кунун рафтиву ҷодуӣ сохтӣ,
Бад-ин сон сӯи разми ман тохтӣ.[6]

Бикӯбам-т аз он гуна имрӯз ёл,
К-аз ин пас набинад туро зинда Зол».[7]

---

1. И – ялон.
2. ИМ – Ба ҷанг - андарун олати корзор.
3. ТПЗЛ – Бар он сон*, ки аз ман бихастӣ ту дӯш,
Набудат дилу мағзу на рою** хуш.
* Л – Бигуфташ; ** Л –ҷону мағзу на.
4. И – Камонро ба зеҳ кард.
5. М – тани ту.
6. ТПЗЛ – Чунонат бидӯзам ҳама тан ба тир,
Ки н-ояд ба бар ҷораи Золи пир.
7. ТПЗ – Чу Рустам мар ӯро бар он гуна дид,
Яке боди сард аз ҷигар баркашид.

www.sattor.com

Чунин гуфт Рустам ба Исфандёр,
Ки «Эй сер ногашта аз корзор,[1]

Битарс аз ҷаҳондор Яздони пок,
Хирадро макун бо дил-андар мағок.

Ман имрӯз не*[2] баҳри ҷанг омадам,
Паи пӯзишу ному нанг омадам.[3]

Ту бо ман ба бедод*[4] кӯшӣ ҳаме,
Ду чашми хирадро бипӯшӣ ҳаме.

Ба додори Зардушту дини беҳӣ,
Ба Нӯшозару озару фарраҳӣ,

Ба хуршеду моҳу ба Устову Занд,[5]
Ки дилро биронӣ зи*[6] роҳи газанд.

Нагирӣ[7] ба ёд он суханҳо, ки рафт
В-агар пӯст бар тан касеро бикафт.

Биё, то бубинӣ яке хони ман,
Раванда-ст коми ту бар ҷони ман.

Кушоям дари ганҷи дерина боз,
Куҷо гирд кардам ба рӯзи дароз.

Кунам бор бар борагиҳои хеш,
Ба ганҷур деҳ, то биронад зи пеш.

Баробар ҳаме бо ту оям ба роҳ,
Равам, гар ту фармон диҳӣ, пеши шоҳ.

Пас ар шоҳ бикшад маро, шоядам,
Ҳамон низ гар банд фармоядам.

---

1. И –б. 3742, 3743 нест.
2. М – Н-аз.
3. И –б. 3746 нест.
4. М – бадиро чӣ кӯшӣ.
5. Л – надорӣ ба.
6. М – битобӣ.
7. Л – наёрӣ.

www.sattor.com

Нигаҳ кун, ки донои пешин чӣ гуфт,
Ки касро*[1] мабод ахтари шум ҷуфт.

Ҳамон[2] чора ҷӯям, ки то рӯзгор
Туро сер гардонад аз корзор».[3]

Чунин дод посух, ки «Марди фиреб
Наям рӯзи пайкору[4] рӯзи[5] ниҳеб.

Аз айвони хон чанд гӯӣ ҳаме,
Рухи оштӣ чанд шӯӣ ҳаме?

Агар зинда хоҳӣ, ки монӣ ба ҷой,
Нахустин ба тан банди моро бисой».

Дигарбора Рустам забон баркушод:
«Макун, шаҳрёро, зи бедод ёд.

Макун номи ман зишту ҷони ту[6] хор,
Ки ҷуз бад наёяд аз ин корзор.

Ҳазорон-т гавҳар диҳам шоҳвор,
Ҳамон тоҷ бо ёраву[7] гӯшвор.

Ҳазорон-т кӯдак диҳам нӯшлаб,[8]
Бувандат парастанда дар[9] рӯзу шаб.

Ҳазорат канизак диҳам халлухӣ,
Ки зебои тоҷанд бо фаррухӣ.

1. М – ҳаргиз.
2. ИЛ – Ҳаме.
3. ТПЗ – Чаро дил-т аз ин гуна чун санг шуд,
Ҳама орзӯи дилат ҷанг шуд?
Ба Яздон гар ин ҷангу бедору кин
Ба дур афканӣ, ном гирӣ аз ин.
4. И – пархошу.
5. Л – гоҳи.
6. Л – дар ҷаҳон номи ман зишту.
7. ИМ – Або ёраву тавқу бо.
8. Л – банда; ИМ – ридак.
9. Л – Ки бошад парастаст, ИМ – парастандаи тахти ту.

www.sattor.com

Дари ганҷи Соми Наримону Зол,
Кушода кунам пешат, эй беҳамол.

Ҳама пок пеши ту гирд оварам,
Зи Кобулситон низ мард оварам.

Ҳама мар туро пок фармон баранд,[1]
Гаҳи разм бадхоҳро бишкаранд.[2]

В-аз[3] он пас ба пешат парасторваш[4]
Равам то ба пеши шаҳи кинакаш.

Зи дил дур кун, шаҳрёро, ту кин,
Мадеҳ девро дар тани худ камин.[5]

Ҷуз аз банд*[6] дигар туро даст ҳаст,
Ба ман-бар ту шоҳиву яздонпараст,

Ки аз банди ту ҷовидон номи бад
Бимонад маро,[7] бад ба ту кай сазад?»

Ба Рустам чунин гуфт Исфандёр,
Ки то чанд гӯӣ ҳаме нобакор?

Маро гӯӣ аз роҳи Яздон бигард,
Зи фармони шоҳи ҷаҳондидамард[8]

Ки ҳар, к-ӯ зи фармони шаҳ шуд бурун,
Худовандро карда бошад фусун.

Ҷуз аз разм ё банд чизе маҷӯй,
Чунин гуфтаниҳои*[9] хира магӯй.[10]

---

1. Л – Чу базм оядат пеш, фармон кунам.
2. Л – бари шаҳрёр.
3. М – оштиро бишӯй.
4. М – сухан.
5. Л – Макун девро бо хирад ҳамнишин.
6. М – Ба ҷуз банди.
7. Л – Ба ман в-аз ту фарҷоми бад.
8. И – ҷаҳонбон бигард.
9. М – гуфтаниҳо ба.
10. Л – пас аз б. 3775 ин б. омада:
    Ба тундӣ ба посух гави номдор
    Чунин гуфт, к-эй пурҳунар шаҳрёр,

www.sattor.com

ТИР АНДОХТАНИ РУСТАМ ИСФАНДЁРРО БА ЧАШМ

Чу донист[1] Рустам, ки лоба ба кор
Наёяд ҳаме пеши Исфандёр,[2]

Камонро ба зеҳ карду он тири газ,
Ки пайкон-шро дода буд оби раз,

Ҳамон гаҳ ниҳодаш варо дар камон,
Сари хеш кардаш сӯи осмон[3].

Ҳаме хор дорӣ ту гуфтори ман,
Ба хира чӣ меҷуӣ озори ман?
Чунин дод посух, ки чандон фиреб
Ҳамоно ба танг андаромад нишеб.

1. ИЛМ – Бидонист.
2. ТПЗ – Хурӯшиду гуфто, Башутан бихон,
Ки бошад гувоҳам бар ин достон,
Ки ман чанд гуна пижӯҳиш кунам,
Накарда бадӣ роҳи пӯзиш кунам.
Бидонад, ки аз ман набуд ҷангу кин,
Нагардидам аз кешу оину дин.
Бихандид аз он гуфтан Исфандёр
Чунин гуфт, к-эй паҳлави номдор,
Чӣ ҷӯӣ баҳона гаҳи тохтан,
Бад-ин гуна рангу фусун сохтан?
Башутан на дур асту донад ҳаме,
Зи мо достонҳо бихоҳад ҳаме.
3. Пас овоз карду Башутан бихонд,
Чу Рустам варо дид, хира бимонд.
Чунин гуфт пас бо Башутан ба роз,
Ки, эй покдил, марди гарданфароз,
Басе лоба кардам ба Исфандёр,
Наёмад бараш лоба гуфтан ба кор.
Ту дониву дидӣ зи ман бандагӣ
Напазруфту сер омад аз зиндагӣ.
Агар ӯ шавад кушта бар дасти ман,
Зи ман бозгӯӣ ба ҳар анҷуман.
Ки «Рустам басе лобаву зор кард,
Набуд суд наздики озодмард».
Бад-ӯ бонг барзад ял-Исфандёр,
Ки бисёр гуфтан наёяд ба кор.
Биё, то чӣ дорӣ ту аз кори ҷанг,
Ки чустӣ ба гетӣ басе ному нанг.
Чу бишнид Рустам гави размсоз
Бидонист, к-омад замонаш фароз.

www.sattor.com

Ҳаме гуфт, к-«Эй довари моҳу ҳур,
Физояндаи донишу фарру зӯр.

Ҳаме бинӣ ин пок ҷони маро,
Равони маро, ҳам тавони маро,

Ки ман чанд кӯшам,[1] ки Исфандёр
Магар сар бигардонад[2] аз корзор?

Ту донӣ, ки бедод кӯшад ҳаме,
Ба ман ҷангу[3] мардӣ фурӯшад ҳаме.

Ба бодафраҳи ин гуноҳам магир,
Ту, эй офаринандаи моҳу тир.

Чу дар кор чанде, бидидаш диранг,[4]
Ки Рустам ҳаме дер шуд сӯи ҷанг,

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй Рустами номдор,[5]
Бишуд сер ҷони ту аз корзор.[6]

Бубинӣ кунун тири гуштоспӣ,
Дили шеру пайкони лӯҳроспӣ.[7]

Таҳамтан газ андар камон ронд зуд
Бад-он сон, ки Симурғ фармуда буд,

Бизад рост*[8] бар чашми Исфандёр,
Сияҳ шуд ҷаҳон пеши он номдор.[9]

ТПЗМ – Чу он тири газ ронд андар камон,
Худовандро хонд андар ниҳон.

1. И – чандин бикӯшам.
2. ИМ – бупечонад.
3. Л – ҳаме ҷангу.
4. Л – худкома ҷангӣ.
5. ИЛМ – сагзии бадгумон.
6. ИЛМ – Нашуд сер ҷонат зи тиру камон.
7. ТПЗ – Яке тир бар тарги Рустам бизад,
Чунон, к-аз камони саворон сазад.
8. М – тир.
9. ТПЗ – Ба ду нӯги пайкон ду чашмаш бидӯхт.
Бимурд оташи кина чун барфурӯхт.

www.sattor.com

Хам овард болои сарви саҳӣ,
Аз ӯ дур шуд донишу фарраҳӣ.

Нагун шуд сари шоҳи яздонпараст,
Бияфтод чочӣ[1] камонаш зи даст.

Гирифташ фашу ёли аспи сиёҳ,
Зи хун лаъл шуд хоки овардгоҳ.

Чунин гуфт Рустам ба Исфандёр,
Ки «Овардӣ он тухми зуфтӣ ба бор.

Ту онӣ, ки гуфтӣ, ки рӯинтанам,
Баланд осмон бар замин барзанам.[2]

Ба як тир баргаштӣ аз корзор,
Бихуфтӣ бар ин бораи номдор.[3]

Ҳам акнун ба хок андарояд сарат,
Бисӯзад дили меҳрубон модарат».

Ҳамон гаҳ сари номбардор шоҳ
Нагун андаромад зи пушти сипоҳ.

Замоне ҳаме буд, то ёфт ҳуш,
Бар он хок биншасту букшод гӯш.

Сари тир бигрифт берун кашид,
Ҳаме парру пайкон-ш дар хун кашид,

Ҳамон гаҳ ба Баҳман расид огаҳӣ,
Ки тира шуд он фарри шоҳаншаҳӣ.

Биёмад ба пеши Башутан, бигуфт,
Ки пайкори мо гашт бо дард ҷуфт.

---

1. ИМ – чинӣ.
2. ТПЗ – Ман аз ту саду шаст тири хаданг
Бихӯрдам, нанолидам аз ному нанг.
3. ТПЗЛ – Бихӯрдӣ яке чӯбатири газин,
Ниҳодӣ сари хеш бар пеши* зин.
*л – Саратро ба қарбуси.

Тани жандапил андаромад ба хок,
Ҷаҳон гашт аз ин дард бар мо[1] мағок.

Бирафтанд ҳарду пиёда давон
Зи пеши сипаҳ то бари паҳлавон.

Бидиданд ҷангӣ бараш пур зи хун,
Яке тири пурхун ба даст-андарун[2].

Башутан бар ӯ ҷомаро кард чок,
Хурӯшону бар сар ҳаме рехт хок.

Ҳаме гашт Баҳман ба хок-андарун,
Бимолид рухро бар он гарм хун.

Башутан ҳаме гуфт: «Рози ҷаҳон
Кӣ донад зи номоварону меҳон?[3]

Чу Исфандёре, ки аз баҳри дин
Ба мардӣ бароҳехт шамшери кин,

Ҷаҳон кард пок аз бади бутпараст,
Ба бедод ҳаргиз наёзид даст.

Ба рӯзи ҷавонӣ ҳалок омадаш,
Сари тоҷвар сӯи хок омадаш[4].

Бадеро, к-аз ӯй аст гетӣ ба дард,
Пурозор аз ӯ ҷони озодмард,

Фаровон бар ӯ бугзарад рӯзгор,
Ки рӯзе[5] набинад бади корзор».

---

1. Л – бар чашми ӯ чун
2. Л – пас аз б. 3804 ин б. омада:
   Ду пайкон бар ӯ сохта бар ду сар,
   Миёнаш якеву ба тан-бар-ш пар.
3. ТПЗЛ – Магар кирдгори равону сипеҳр,
   Худованди кайвону ноҳиду меҳр.
4. ИЛ – б. 3810 нест.
5. Л – ҳаргиз.

www.sattor.com

Ҷавонон гирифта сараш дар*[1] канор,
Ҳаме хун сутурданд аз он шаҳрёр.

Башутан бар ӯ-бар ҳаме мӯя кард
Рухи[2] пур зи хуну дили[3] пур зи дард.

Ҳаме гуфт зор: «Эй ял, Исфандёр,
Ҷаҳондор в-аз тухмаи шаҳрёр.

Кӣ барканд ин*[4] кӯҳи ҷангӣ зи ҷой,
Кӣ афканд шери жаёнро зи пой?

Ки канд ин писандида дандони пил,
Кӣ афканд дар мавҷи дарёи Нил?[5]

Чӣ омад бар ин тухма аз чашми бад,
Ки бар бадкуниш, бегумон, бад расад.

Куҷо шуд дилу ҳушу оини ту,
Тавоноиву ахтару дини ту?[6]

Куҷо шуд ба разм он накӯ сози ту,
Куҷо шуд ба базм он хуш овози ту?[7]

Чу кардӣ ҷаҳонро зи бадхоҳ пок,
Наёмад-т аз шер в-аз дев*[8] бок.

Кунун, к-омадат судмандӣ ба кор,
Ҳаме хок бинам-т парвардгор[9]».

---

1. М – гирифтандаш андар
2. Л – рухе.
3. Л – саре.
4. М – канд инчунин.
5. ТПЗ – Кӣ хуршеди тобандаро тор кард?
Кӣ шохи сарафрозро хор кард?
Ки биншонд ин шамъи афрӯхта,
К-аз ӯ шуд ҳама дудмон сӯхта?
6. И – б. 3819 нест.
7. Л – б. 3820 нест.
8. М – шеру аз мор.
9. ТПЗЛ – Ки нафрин бар ин тахту ин тоҷ* бод,
Сазад гар наёрам аз ӯ ҳеч ёд.**

www.sattor.com

Чунин гуфт бодониш Исфандёр,
Ки «Эй марди донои беҳрӯзгор,

Макун хештан[1] пеши ман-дар табоҳ,
Ки ин буд баҳри ман аз чарху моҳ[2].

Тани мурдаро[3] хок бошад ниҳол,
Ту аз куштани ман бад-ин сон манол.

Куҷо шуд Фаридуну Ҳушангу Ҷам,
Зи бод омада, боз гашта[4] ба дам.

Ҳамон[5] покзода ниёкони ман[6],
Гузида сарафрозу покони ман,[7]

Бирафтанду моро супурданд ҷой,
Намонад касе дар сипанҷисарой.[8]

Фаровон бикӯшидам андар ҷаҳон,
Чи дар ошкоро, чи андар ниҳон,

Ки то роҳи[9] Яздон ба ҷой оварам,
Хирадро бад-ин раҳнамой оварам.

Чу аз ман гирифт ин сухан равшанӣ,
Зи бад баста шуд дасти оҳарманӣ.

Ки чун ту саворе яли шаҳрёр
Фикандаш бад-ин сон бар ин хок хор.
Сазад, гар шавад мурдарӣ тоҷу гоҳ***
Бар он бевафокор**** Гуштоспшоҳ.

* Тоҷу он тахт; **Л – Бар ин кӯшиши бешу ин бахт бод. *** Л – Ки на тоҷ бодо, на тахту сипоҳ; **** Л – ин бевафодор.

1. И – хешро.
2. ИЛ – тоҷу гоҳ.
3. Л – куштаро.
4. И – гардад.
5. Л – ҳама.
6. И – мо.
7. И – мо.
8. Л – ошкору.
9. Л – рон.

www.sattor.com

Замона биёзид чанголи шер,*[1]
Маро ҳамчу гӯр андаровард зер*[2],

Умедам чунон аст, к-андар биҳишт
Дилу ҷони ман бидравад, ҳарчи кишт.

Ба мардӣ маро пури Дастон накушт,
Нигаҳ кун бар ин газ, ки дорам ба мушт.

Бад-ин чӯб шуд рӯзгорам ба сар,
Зи Симурғ в-аз Рустами чорагар.

Фусунҳову ин бандҳо Зол сохт,
Ки ин банду ранг аз ҷаҳон ӯ шинохт».

Чу Исфандёр ин сухан ёд кард,
Бупечиду бигрист Рустам бадард.

Биёмад ба наздики Исфандёр
Бимонда зи ғам хаставу сӯгвор.

Чунин гуфт пас бо Башутан бадард,
Ки «Мардӣ зи мардон сазад ёд кард.[3]

Чунон аст, к-ӯ гуфт яксар сухун,[4]
Зи мардӣ ба кажжӣ наяфканд бун[5].

Ҳамоно, ки аз*[6] деви носозгор
Маро баҳра ранҷ омад аз рӯзгор,[7]

Ки то ман ба мардӣ камар бастаам,
Ҳаме разми гарданкашон ҷустаам.

1. М – тез.
2. М – Набуд з-ӯ маро рӯзгори гурез
3. ИЛМ – б. 3838, 3839 нест.
4. Л – сухан.
5. Л – мардиву гурдӣ бияфканд тан.
6. М – Чунин гуфт, к-аз.
7. ИЛ – 3841 нест.

www.sattor.com

Саворе надидам чу Исфандёр
Зиреҳдор, бо ҷавшани корзор[1].

Чу бечора баргаштам аз ҷанги ӯй,
Бидидам камону бару чанги ӯй,

Сӯи чора гаштам зи бечорагӣ,
Надодам бад-ӯ сар ба якборагӣ.

Замоне варо дар камон сохтам,
Чу рӯзаш сар омад, бияндохтам.

Гар ӯро ҳаме бахт ёр омадӣ,
Маро тири газ кай ба кор омадӣ?!

Аз ин хоки тира бибояд шудан,
Ба парҳез як дам нашояд задан.

Ҳамоно, к-аз ин*[2] бад нишона манам
В-аз ин тири газ бо фасона манам».

АНДАРЗ КАРДАНИ ИСФАНДЁР РУСТАМРО

Чунин гуфт бо Рустам Исфандёр,
Ки «Акнун сар омад маро рӯзгор.

Ту аз ман*[3] мапарҳезу хез, эдар ой,
Ки моро дигаргуна гаштаст рой.

Магар бишнавӣ панду андарзи ман,
Зи баҳри писар мояи дур зи*[4] ман.

Бикӯшиву онро ба ҷой оварӣ,
Бузургӣ бар ӯ раҳнамой оварӣ».

1. Л – Далеру ҷавону гави номдор.
2. М – ҳамон аст, к-аз.
3. М – акнун.
4. М – Бидонӣ ту сармояи арзи.

www.sattor.com

Таҳамтан ба гуфтори ӯ дод гӯш,
Пиёда биёмад бараш бо хурӯш.

Ҳаме рехт хун аз ду дида ба шарм,
Ҳаме мӯя кардаш ба овои нарм.

Чу Дастон хабар ёфт аз размгоҳ,
Аз айвон чу бод андаромад ба роҳ[1].

Завора, Фаромарз чун беҳушон
Бирафтанд то ҷойгоҳи*[2] нишон.

Хурӯше баромад зи овардгоҳ,
Ки торик шуд рӯи хуршеду моҳ.

Ба Рустам ҳаме гуфт Зол: «Эй писар,
Туро пеш[3] гирям ба дарди ҷигар,

Ки эдун шунидастам аз мӯбадон,
Зи ахтаршиносону аз бихрадон,*[4]

Ки ҳар кас, ки ӯ хуни Исфандёр
Бирезад, варо бишкарад рӯзгор.

Бад-ин гетияш[5] ранҷу сахтӣ бувад
В-агар бугзарад, шӯрбахтӣ шавад».[6]

Чунин гуфт бо Рустам Исфандёр,
Ки «Аз ту надидам бади рӯзгор.

---

1. Л – пас аз б. 3856 ин б. омада:
Зи хона биёмад ба дашти набард.
Ду дида пур аз обу дил пур зи дард.
2. М – Бирафтанду ҷустанд чанде
3. Л – беш.
4. М – Ки эдун шунидам зи донои Чин
В-аз ахтаршиносони Эронзамин.
5. Л – куштанаш.
6. Л – бувад.

www.sattor.com

Замона чунин буду буд, он чӣ буд,
Надонад касе рози чархи кабуд.[1]*[2]

На Рустам, на мурғу на тиру камон
Ба разм аз тани ман бибурданд ҷон,*[3]

Ки ин кард Гуштосп бо ман чунин,
Бар ӯ - бар нахоҳам зи ҷон офарин[4].

Маро гуфт, рав, Систонро бисӯз,
Нахоҳам, к-аз ин пас бувад Нимрӯз.

Бикӯшид, то лашкару тоҷу ганҷ*[5]
Бад-ӯ монаду ман бимонам ба ранҷ.*[6]

Кунун Баҳман ин номвар пури ман,
Хирадманду бедору дастури ман.

Ба меҳри дил ӯро зи ман дарпазир,
Ҳаме ҳарчӣ гӯям, зи*[7] ман ёд гир.

Ба Зобулситон-дар варо шод дор,
Суханҳои*[8] бадгавҳарон ёд[9] дор.

Биёмӯзаш ороиши корзор,
Нишастангаҳи базму разму шикор.

Маю ромишу захми чавгону гӯ,
Бузургиву ҳар гунае гуфтугӯ.

Чунин гуфт Ҷомоспи гумбуданом,
Ки ҳаргиз ба гетӣ мабинод ком,

---

1. И –б. 3852 – 3864 нест.
2. М – Сухан ҳар чӣ гуям, бибояд шунуд
3. М – Баҳона ту будӣ, падар буд замон,
   На симурғу Рустам, на тиру камон.
4. ИМ – б. 3866 нест.
5. М – тахт.
6. М – мо бубандем рахт.
7. М – туро.
8. М – ҳама кори.
9. Л – бадгӯйро бод.

www.sattor.com

Ки Баҳман зи ман ёдгоре бувад,
Сарафрозтар шаҳрёре бувад.

Ҳамон ҳар ки аз тухми Баҳман бувад,
Ба шоҳӣ сазовору равшан бувад»[1].

Таҳматан чу бишнид, бар пой хост,
Ба бар зад ба фармони ӯ дасти рост,

Ки гар бугзарам, з-ин сухан нагзарам,
Сухан ҳарчи гуфтӣ, ба ҷой оварам[2],

Нишонам-ш бар номвар тахти оҷ,
Ниҳам бар сараш –бар дилафрӯз[3] тоҷ[4].

Зи Рустам чу бишнид гӯё сухан,
Бад-ӯ гуфт, к-«Эй паҳлавони*[5] куҳан.

Чунон дон, ки Яздон гувои ман аст,
Бад-ин дини беҳ раҳнамои ман аст,

К-аз он некуиҳо, ки ту кардаӣ,
Сар аз мардумиҳо баровардаӣ[6],

Кунун номи некат ба бад бозгашт,
Зи ман рӯи гетӣ пуровоз гашт.

Ҳам[7] омад равони туро баҳр аз ин
Чунин буд рои ҷаҳонофарин»,

Чунин гуфт пас бо Башутан, ки «Ман
Наҷӯям ҳаме з-ин ҷаҳон ҷуз кафан.

1. ИЛМ – б. 3876 нест.
2. Л – гуфтиш фармон барам; И – ту фармон барам.
3. И – дилорой.
4. ТПЗЛ – Ба пешаш бубандам камар бандавор,
   Худованд хонам-ш, ҳам шаҳрёр.
5. М – нав гир чун шуд.
6. ИЛМ – Зи шоҳони пешин, ки парвардаӣ.
7. ИЛМ – ғам.

www.sattor.com

Чу ман бугзарам з-ин сипанҷисарой
Ту лашкар биёрою шав боз ҷой.

Чу рафтӣ ба Эрон падарро бигӯй,
Ки чун ком дидӣ,*[1] баҳона маҷӯй.

Замона саросар ба коми ту гашт,
Ҳама мӯҳрҳо зери[2] номи ту гашт.

Умедам на ин буд наздики ту,
Сазо ин буд аз ҷони торики ту.

Ҷаҳон рост кардам ба шамшеру дод,
Ҷаҳон пок гашт аз бади баднажод[3].

Ба Эрон чу дини беҳӣ рост гашт,
Бузургиву шоҳӣ маро хост гашт.

Ба пеши сарон[4] пандҳо додиям,
Ниҳонӣ ба куштан фиристодиям.

Кунун з-ин сухан ёфтӣ коми дил,
Биёрою биншин ба ороми дил.

Чу эмин шудӣ, маргро дур кун,
Ба айвони шоҳӣ яке сур кун.

Туро тахту сахтиву кӯшиш маро,
Туро тоҷу тобуту пӯшиш маро.

Чӣ гуфт он ҷаҳондида деҳқони пир,
Ки нагрезад аз марг пайкони тир.

Машав эмин аз ганҷ в-аз тоҷу гоҳ[5],
Равонам туро чашм дорад ба роҳ.

1. М – Ёбӣ.
2. Л – марзҳо пур зи.
3. ИЛМ – Ба бад кас наёрист кард аз ту ёд.
4. И – меҳон.
5. Л – тахту тоҷу кулоҳ.

www.sattor.com

Чу ойӣ, ба ҳам пеши довар шавем,
Бигӯему гуфтори ӯ бишнавем[1].

Чу з-ӯ*[2] боз гардӣ, ба модар бигӯй,
Ки марг омад инбора[3] пархошҷӯй.

Ки бо тири ӯ кабр чун бод буд,
Гузар кард, агар кӯҳи пӯлод буд.[4]

Пас аз ман ту зуд ой, эй меҳрубон,
Ту аз ман маранҷу маранҷон равон.

Бараҳна макун рӯй бар анҷуман,
Мабин низ чеҳри ман андар[5] кафан.

Зи дидор зорӣ бияфзоядат,
Кас аз бихрадон низ настоядат.

Ҳамон хоҳаронрову ҷуфти маро,
Ки ҷӯён будандӣ[6] нуҳуфти маро,

Бигӯӣ бар он пурҳунар бихрадон,
Ки падруд бошед то ҷовидон.

Зи тоҷи падар бар сарам бад расид,
Дари ганҷро ҷони ман шуд калид.

Фиристодам инак ба наздики ӯй,
Ба шарм оварад ҷони торики ӯй».

Бигуфт ину барзад яке тездам,
Ки «Бар ман зи Гуштосп омад ситам».

---

1. Л – пас аз б. 3898 ин б. омада:
   Миёни ману ту бад-ин доварӣ
   Кунад довари доварон доварӣ.
2. М – К-аз ӯ.
3. Л – Ки сер омад аз ҷанг.
4. Л – пас аз б. 3900 ин б. омада:
   Замона замонаш фароз оварид
   Ба марге, ки кас дар ҷаҳон он надид.
5. И – маро бар.
6. Л – чунон надидӣ.

www.sattor.com

Ҳам он гаҳ бирафт аз танаш ҷони пок,
Танаш хаста з-он тир[1]-бар тира хок[2].

Бару ҷома Рустам ҳама пора кард
Сараш пур зи хоку рухаш[3] пур зи гард[4].

Ҳаме гуфт зор: «Эй набардасавор,
Ниё шоҳи ҷангӣ, падар шаҳрёр.

Ба хубӣ шуда дар ҷаҳон номи ман,
Зи Гуштосп бад шуд саранҷоми ман».

Чу бисёр бигрист, бо кушта гуфт,
Ки «Эй дар ҷаҳон шоҳи беёру ҷуфт.

Равони ту шуд б-осмон дар биҳишт,
Бадандеши ту бидравад, ҳарчӣ кишт».

Завора бад-ӯ гуфт к-«Он номдор,
Набоист пазруфт аз ӯ зинҳор.

Зи доно[5] ту нашнидӣ ин достон,
Ки баргӯяд[6] аз гуфтаи бостон,

Ки гар парварӣ баччаи наррашер,
Шавад тездандону гардад далер,

Чу сар баркашад зуду ҷӯяд шикор,
Нахуст андарояд ба парвардгор.

Ду паҳлав барошӯбад аз хашми бад,
Нахустин аз ин бад ба Эрон расад,

1. ИЛ – афганда.
2. ТПЗ – Чу Баҳман ба назди Башутан расид,
Ҳама ҷома бар тан саросар дарид.
3. Л – дилаш.
4. Л – дард.
5. ЛМ – деҳқон.
6. Л – ёд орад.

www.sattor.com

Ки шуд кушта шоҳе чу Исфандёр,
Бубинӣ аз ин пас бади[1] рӯзгор.

Зи Баҳман расад бад ба Зобулситон,
Бупечанд пирони Кобулситон.

Нигаҳ кун, ки чун ӯ шавад шаҳрёр,*[2]
Ба пеш оварад кини Исфандёр».[3]

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Бо осмон,
Натобад бадандешу некугумон.

Ман он баргузинам, ки чашми хирад
Бад-он бингарад, ном боз оварад.

Гар ӯ бад кунад, печад аз рӯзгор,
Ту чашми балоро ба тундӣ махор».[4]

БУРДАНИ БАШУТАН ТОБУТИ ИСФАНДЁРРО НАЗДИ ГУШТОСП

Яке нағз тобут кард оҳанин,
Бигустард фарше зи дебои Чин.

Дарандуд[5] як рӯи оҳан ба қир,
Пароканда бар қир мушку абир.

Зи дебои зарбафт кардаш кафан,
Хӯрушон бад-ӯ номдор анҷуман.

В-аз он пас, ки пӯшид равшан бараш,
Зи пирӯза бар сар ниҳод афсараш.

Сари тангтобут карданд сахт,
Шуд он борвар хусравонӣ дарахт.

1. Л – бароварда аз хашм.
2. М – тоҷдор.
3. Л – Бияфганд з-ин пас ба бад.
4. ТПЗ – Пас аз марги ту хоки Зобулситон
Ба Эрон кашад ин гави кинситон.
5. И – Биёлуд.

www.sattor.com

Чиҳил уштур овард[1] Рустам гузин,
Зи боло фурӯҳишта дебои Чин.

Яке уштуре[2] зери тобути шоҳ
Чапу рост уштур, пас - андар сипоҳ,

Ҳама рӯйканда,*[3] ҳама канда мӯй,
Забон шоҳгӯву равон шоҳҷӯй[4].

Башутан ҳаме рафт[5] пеши сипоҳ
Бурида фашу думми аспи сиёҳ.

Бар ӯ барниҳода нагунсор зин,
Зи зин андаровехта гурзи кин.

Ҳамон номвар хӯду хафтони ӯй,
Ҳамон таркашу*[6] миғфари[7] ҷангҷӯй.

Сипаҳ рафту Баҳман ба Зобул бимонд,
Зи мижгон ҳаме хуни дил барфишонд.

Таҳамтан бибурдаш ба айвони хеш,
Ҳаме парваронид чун ҷони хеш.

Ба Гуштосп огоҳӣ омад зи роҳ,
Нагун шуд сари номбардор шоҳ.

Ҳама ҷомаҳо чок шуд дар бараш,
Ба хок андаромад сару афсараш.

Хурӯше баромад зи Эрон[8] ба зор,
Ҷаҳон шуд пур аз номи Исфандёр.

---

1. Л – Чил астар биёвард.
2. ИМ – ду уштур будӣ.
3. М – хастарӯю.
4. ТПЗ – Нагун карда кӯсу дарида дурафш,
   Ҳама ҷома карда кабуду бунафш.
5. ИЛ – буд.
6. М – ҷомаву.
7. Л – миғфару ҷавшани.
8. ИЛМ – айвон.

www.sattor.com

Ба Эрон ба ҳар сӯ, ки рафт огаҳӣ,
Бияндохтанд он кулоҳи меҳӣ.

Ҳаме гуфт Гуштосп, к-«Эй покдин,
Ки чун ту набинад замону замин.

Пас аз рӯзгори Манучеҳр боз,
Наёмад чу ту низ гарданфароз.

Биёлуд теғу биполуд кеш,
Ҷаҳонро ҳаме дошт бар ҷои хеш».

Бузургони Эрон гирифтанд хашм
В-аз озарми Гуштосп шустанд чашм.

Ба овоз гуфтанд, к-«Эй шӯрбахт,
Чу Исфандёре ту аз баҳри тахт

Ба Зобул фиристӣ ба куштан диҳӣ,*[1]
Худ андар ҷаҳон тоҷ бар сар ниҳӣ[2],

Саратро зи тоҷи шаҳон*[2] шарм бод,
Ба рафтан паи ахтарат гарм бод!»

Бирафтанд яксар зи айвони ӯй,
Пур аз хок шуд тоҷу кайвони ӯй.

Чу огоҳ шуд модару хоҳарон,
Аз айвон бирафтанд бо духтарон.

Бараҳна сару пой пургарду хок,
Ба бар-бар*[3] ҳама ҷомаҳо карда чок.

Башутан ҳаме рафт гирён ба роҳ,
Паси пушт тобуту аспи сиёҳ.

1. М – Ту бар гоҳ тоҷи меҳӣ барниҳӣ.
2. Л – Баҳона ба чархи равон барниҳӣ; И – Ту бар гоҳ тоҷи меҳӣ барниҳӣ.
3. М – тан-бар.

www.sattor.com

Занон бар[1] Башутан баровехтанд,
Ҳаме хун зи мижгон фурӯ рехтанд,

К-аз ин тангтобут сар баркушой,
Тани куштаро низ моро намой.

Башутан ғамӣ[2] шуд миёни занон
Хурӯшону ҷӯшону баррухзанон[3].

Ба оҳангарон гуфт: «Сӯҳони тез
Биёред, к-омад маро растахез».

Сари тангтобутро боз кард,
Ба наввӣ яке мӯя оғоз кард.

Чу модар-ш бо ҳоҳарон рӯи шоҳ
Пур аз мушк диданду риши сиёҳ,

Бишуд ҳуш зи пӯшидарӯёни ӯй,
Пур аз хун дили ҷаъдмӯёни ӯй.

Чу аз беҳушӣ боз ҳуш омаданд,
Ба наздики фаррух суруш омаданд.

Бирафтанд яксар зи болини шоҳ
Хурӯшон ба наздики аспи сиёҳ.

Бисуданд аз меҳр[4] ёлу сараш,
Катоюн ҳаме рехт хок[5] аз бараш,

К-аз ӯ шоҳро рӯз баргашта шуд,*[6]
Дар овард бар пушти ӯ кушта шуд*[7]

1. Л – бо.
2. И – ғамин.
3. ЛМ – гӯшт аз ду бозу канон.
4. Л – пурмеҳр.
5. Л – хун.
6. М – буд.
7. М – буд.

www.sattor.com

Ҳаме гуфт модар-ш, к-«Эй шумпай,
Ба пеши ту-бар кушта шуд шоҳ кай?[1]

Аз ин пас киро бурд хоҳӣ ба ҷанг,
Киро дод хоҳӣ ба чанги наҳанг?»

Ба ёлаш ҳаме андаровехтанд,
Ҳаме хок бар торакаш рехтанд.

Ба абр андаромад хурӯши сипоҳ,
Башутан биёмад ба айвони шоҳ.

Чу шуд танг наздики тахташ фароз,
Набӯсид тахту[2] набурдаш намоз.

Ба овоз гуфт: «Эй сари саркашон,
Зи баргаштани корат омад нишон.

Ту з-ин бо тани хеш бад кардаӣ,
Дам аз шаҳрёрон[3] баровардаӣ.

Зи ту дур шуд фарраву бихрадӣ,
Биёбӣ ту бодафраи эзадӣ.

Шикаста шуд, эй[4] номвар, пушти ту,
Аз ин пас бувад бод дар мушти ту.

Писарро ба куштан диҳӣ баҳри тахт,
Ки на тоҷ бинод чашмат, на бахт!

Ҷаҳоне пур аз душману[5] аз[6] бадон
Намонад ба ту тоҷ то ҷовидон.

Бад-ин гетӣ-андар накӯҳиш бувад,
Ба рӯзи шуморат пижӯҳиш бувад».

---

1. Л –б. 3965 нест.
2. ИМ – Башутан чу дидаш.
3. ЛМ – шахри Эрон.
4. ИЛ – он.
5. Л – душманону.
6. И – пур.

www.sattor.com

Бигуфт ину рух сӯи Ҷомосп кард,
Ки «Эй шуми бадкешу бадрой*[1] мард.

Ба[2] гетӣ наронӣ[3] сухан ҷуз дурӯғ,
Ба кажжӣ гирифтӣ ба ҳар сӯ[4] фурӯғ,

Миёни каён душманӣ афканӣ,
Ҳаме ин бад-он, он бад-ин барзанӣ.

Надонӣ ҳаме ҷуз бад омӯхтан,
Гусистан*[5] зи некӣ, бадӣ тӯхтан.

Яке тухм киштӣ ту андар ҷаҳон,
К-аз он*[6] бидравӣ ошкору ниҳон.

Бузурге ба[7] гуфтори ту кушта шуд,
Ки рӯзи бузургон ҳама гашта шуд.

Ту омӯхтӣ шоҳро роҳи бад,
Аё пири бадкешу бадхоҳи бад[8].*[9]

Ту гуфтӣ, ки ҳуши ял Исфандёр
Бувад дар кафи Рустами номдор».

Бигуфт ину гирён забон баркушод,
Ҳама панду андарзи ӯ кард ёд[10].

Ҳам андарзи Баҳман ба Рустам бигуфт,
Баровард розе, ки буд аз[11] нуҳуфт.

---

1. М – бадкуниш шуми бероҳ.
2. Л – зи.
3. ИЛМ – надонӣ.
4. ИЛМ – зи ҳар кас.
5. М – Буридан.
6. М - Аё пири бемағзи дур аз хирад.
7. ИЛ – зи.
8. Л – б. 3983 нест.
9. М – Аё пири бемағзи дур аз хирад.
10. ТПЗЛ – Башутан бигуфт, он чи будаш ниҳон
    Ба овоз бо шаҳрёри ҷаҳон.
11. Л – дар.

www.sattor.com

Чу бишнид андарзи ӯ шаҳрёр,
Пушаймон шуд аз кори Исфандёр.

Чу пардахта шуд аз бузургон сарой,
Бирафтанд Беҳофариду Ҳумой.

Ба назди падар-дар бихастанд рӯй,
Зи дарди бародар биканданд мӯй.

Ба Гуштосп гуфтанд, к-«Эй номдор,
Наандешӣ аз марги[1]*[2] Исфандёр,

Ки ӯ шуд нахустин ба кини Зарир,
Ҳаме гӯр бистад зи чанголи шер.

Зи туркон ҳама кини ӯ боз хост,
Бад-ӯ шуд сари подшоҳит рост.

Ба гуфтори бадгӯй кардиш[3] банд
Ба ғулли гарону амуду каманд.

Чу ӯ баста омад, ниё кушта шуд,
Сипаҳро ҳама рӯз баргашта шуд.

Чу Арҷосп омад зи Халлух ба Балх,
Ҳама зиндагонӣ шуд аз ранҷ талх.

Чу моро, ки будем пӯшидарӯй[4],
Бараҳна биёвард аз айвон ба кӯй.

Чу Нӯшозари зардуҳиштӣ бикушт,
Гирифт он замон подшоҳӣ ба мушт.

Ту фарзанд дидӣ, ба мардӣ чӣ кард,
Баровард аз эшон даму дуду гард.

1. И – кори.
2. М – Биандеш.
3. Л – бадгӯ кардӣ ба.
4. ИЛ – пӯшида дорем рӯй.

www.sattor.com

Зи Рӯиндиж овард моро барат,
Нигаҳбони лашкар буду кишварат.*[1]

Зи эдар ба Зобул фиристодияш,
Басе панду андарзҳо додияш,

Ки то аз паи тоҷ беҷон шавад,
Ҷаҳоне бар ӯ зору печон шавад.

На Симурғ кушташ, на Рустам, на Зол,
Ту куштӣ мар ӯро, чу куштӣ, манол!

Туро шарм бодо зи риши сапед,
Ки фарзанд куштӣ зи баҳри умед.

Ҷаҳондор пеш аз ту бисёр буд,
Ки бар тахти шоҳӣ сазовор буд,

Ба куштан надоданд фарзандро,
На аз дудаву хешу пайвандро».[2]

Чунин гуфт пас бо Башутан, ки «Хез,
Бар ин оташи духтарон об рез».

Биёмад Башутан зи айвони шоҳ,
Занонро биёвард аз он ҷойгоҳ.

Башутан чунин гуфт бо модараш,
Ки «Чандин чи шеван кунӣ бар сараш[3],

1. М – афсарат.
2. ТПЗ – Писар гар зи ту тоҷи шоҳӣ биҷуст,
Ту ҷустӣ зи Лӯҳросп гоҳ аз нахуст,
Сӯи Рум рафтӣ равон пурситез
Чу хунӣ равад сӯи роҳи гурез.
Ҳаме то ба ту тоҷ наспурду тахт,
Туро рӯз торӣ буду кор сахт.
На кушту на дар оташ андохтат,
Ҳаме тоҷу тахти меҳӣ сохтат.
Ту будӣ, ки аз баҳри ночизу чиз
Писарро зи ҷон хостӣ пурқафиз.
3. Л – Ба тундӣ чу гӯи дараш.

www.sattor.com

Ки ӯ шод хуфтасту равшанравон*[1],
Ки сер омад аз марзу аз марзбон.

Чӣ дорӣ кунун дил ба тимори ӯй,
Кунун дар биҳишт аст бозори ӯй».

Бипазруфт модар зи фарзанд[2] панд,
Ба доди Худованд кардаш писанд.

В-аз он пас ба соле ба ҳар барзане
Ба Эрон хурӯше буду шеване.

Зи тири газу банди Дастони Сом[3]
Ҳаме мӯя карданд шабгиру шом[4].

БОЗ ФИРИСТОДАНИ РУСТАМ БАҲМАНРО БА ЭРОН

Ҳаме буд Баҳман ба Зобулситон
Ба нахчиргаҳ бо маю гулситон.

Савориву майхӯрдану боргоҳ
Биёмӯхт Рустам бад-он кинахоҳ.

Ба ҳар чиз беш аз писар дошташ,
Шабу рӯз хандон ба бар дошташ[5].

Чу гуфтору кирдор пайванд шуд,
Дари кин ба Гуштосп - бар банд шуд.

Яке нома бинвишт Рустам бадард,
Ҳама кори фарзанди ӯ ёд кард.

---

1. М – Нӯшинравон.
2. ИЛ – диндор.
3. ЛМ – панди Симурғу Зол.
4. ЛМ – бисёр сол.
5. ТПЗ – Набуд огаҳ аз корҳои ниҳон,
Ки аз вай чӣ бархезад андар ҷаҳон.
Зи душман наёяд магар душманӣ
Ба фарҷом, агарчанд некӣ кунӣ.

www.sattor.com

Сари нома кард офарин аз нахуст,
Бар он кас, ки кина ба пӯзиш бишуст.

Дигар гуфт: Яздон гувои ман аст,
Башутан бад-ин раҳнамои ман аст,

Ки ман чанд гуфтам ба Исфандёр,
Магар сар бигардонад аз[1] корзор.

Супорам бад-ӯ кишвару ганҷи хеш,
Гузид ӯ зи ҳар гунае ранҷи хеш,

Замонаш чунон буд, ки букшод чеҳр,
Маро дил пур аз дарду ҳам пур зи меҳр.

Бад-он гуна буд гардиши осмон
Писанда*[2] набошад касе бо замон.

Кунун ин ҷаҳонҷӯй назди ман аст,
Ки фаррухтар аз урмузди ман аст.

Ҳунарҳои шоҳонаш омӯхтам,
Аз андарз воми хирад тӯхтам.

Чу паймон кунад шоҳи пӯзишпазир,
К-аз ин пас наандешад аз кори пир,

Ниҳони тану[3] ҷони ман пеши ӯст,
Агар ганҷу тоҷ[4] аст, агар мағзу пӯст»,

Чу он нома шуд назди шоҳи ҷаҳон,
Пароканда шуд дар миёни меҳон.

Башутан биёмад гувоҳӣ бидод,
Суханҳои Рустам ҳама кард ёд.

1. ИЛМ – кам кунад кинаву.
2. М – Басанда.
3. Л – ману.
4. Л – В-агар тоҷу ганҷ.

www.sattor.com

Ҳамон зориву панду андарзи хеш[1],
Сухан гуфтан аз ганҷ в-аз марзи хеш[2].

Зи Рустам дили номвар гашт х(в)аш,
Назад низ бар дил зи тимор таш.

Ҳам андар замон нома посух навишт[3],
Ба боғи бузургӣ дарахте бикишт.

Чунин гуфт, к-аз даври чархи баланд
Чу хоҳад расидан касеро газанд,

Ба парҳез чун боздорад касе,
Агар сӯи дониш гирояд басе?

Башутан бигуфт, он чӣ дархостӣ,
Дили ман ба хубӣ биёростӣ.

Зи гардуни гардон кӣ ёрад гузашт,
Хирадманд гирди гузашта нагашт.

Ту онӣ, ки бурдиву з-он беҳтарӣ,
Ба Ҳинду ба Қаннуҷ-бар меҳтарӣ.

Зи бешӣ ҳар он ч-ат бибояд, бихоҳ
Зи тахту зи мӯҳру зи теғу кулоҳ.

Фиристода посух биёвард зуд
Бад-он сон, ки Гуштосп фармуда буд.

Аз он номвар паҳлавон шод гашт,
Варо дил зи андӯҳ озод гашт[4].

Чунин то баромад бар ин кор чанд,
Бишуд шоҳзода ба боло баланд.

---

1. Л – арванди ӯй.
2. Л – пайванди ӯй;
   ТПЗИЛ – В-аз он номвар шоҳ хушнуд гашт,*
   Гироядаро омадан суд гашт.*
   * Л – шуд.
3. И – набишт.
4. ИЛ – б. 4041 нест.

www.sattor.com

Хирадманду бодонишу дастгоҳ
Зи шоҳон барафрӯхта фарру ҷоҳ[1].

Бидонист Ҷомосп аз неку бад,
Ки он подшоҳӣ ба Баҳман расад.

Ба Гуштосп гуфт, «Эй писандида шоҳ,
Туро кард бояд ба Баҳман нигоҳ.

Зи дониш падар ҳарчӣ чуст андар ӯй,
Ба ҷой омаду гашт бообрӯй.

Ба бегонакишвар[2] фаровон бимонд,
Касе номаи ту бар ӯ - бар нахонд.

Ба Баҳман яке нома бояд навишт
Ба сони дарахте ба боғи биҳишт.

Кӣ дорӣ ба гетӣ ҷуз*[3] ӯ ёдгор,
Гусорандаи дарди Исфандёр?»

Хуш омад сухан шоҳ[4] Гуштоспро,
Бифармуд фархунда Ҷомоспро,

Ки «Бинвис як нома наздики ӯй,
Яке сӯи гарданкаши номҷӯй[5],

Ки яздонсипос, эй ҷаҳонпаҳлавон,
Ки мо аз ту шодему равшанравон.

Набера, ки аз ҷон гиромитар аст,
Ба дониш зи Ҷомосп номитар аст.

Ба бахти ту омӯхт фарҳангу рой,
Сазад, гар фиристӣ варо[6] боз ҷой».

1. Л – Барафрохт фарру кулоҳ. И – фаррух кулоҳ.
2. ЛМ – бегонашаҳре.
3. М – чун.
4. Л – шаҳаншоҳ.
5. И – ҷангҷӯй.
6. ИЛ – кунун.

www.sattor.com

Яке сӯи Баҳман, ки «Ҳам дар замон,
Чу нома бихонӣ, ба Зобул мамон,

Ки моро ба дидорат омад ниёз,
Баророй кору диранге масоз».

Ба Рустам чу бархонд нома дабир,
Аз ӯ[1] шод шуд марди донишпазир.

Зи чизе ки будаш ба ганҷ-андарун
Зи хафтону аз ханҷари обгун,

Зи баргустувону зи тиру камон,
Зи кӯполу аз ханҷари ҳиндувон.

Зи кофур в-аз мушк в-аз уди тар,
Ҳам аз анбару гавҳару симу зар.

Зи дебову аз ҷомаи нобурид,
Парастор в-аз кӯдаки норасид,

Камарҳои заррину симинситом,
Зи ёқут пур карда заррин ду ҷом[2],

Ҳама пок Рустам ба Баҳман супурд,
Баранда ба ганҷури ӯ баршумурд.

Таҳамтан ду манзил биёмад ба роҳ,
Пас ӯро фиристод наздики шоҳ.

Чу Гуштосп рӯи набера бидид,
Шуд аз оби дида рухаш нопадид.

Бад-ӯ гуфт: «Исфандёрӣ ту бас,
Намонӣ ба гетӣ ҷуз ӯро ба кас.

1. ИЛ – бад-он.
2. ТПЗ – Зи аспони тозӣ палангина зин,
Ба зину ситомаш нишонда нигин.
Яке тоҷи пургавҳари шоҳвор,
Яке тавқи заррин забарҷаднигор.

www.sattor.com

Аз[1] он пас ҳаме хондаш Ардашер,
Чу дидаш бад-он гуна вайро далер[2].

Гаве буд бозӯру гирандадаст,
Хирадманду донову эзадпараст[3].

Чу бар пой будӣ сарангушти ӯй,
Зи зону фурӯтар будӣ мушти ӯй.

Ҳаме озмудаш ба якчанд гоҳ,
Ҳаме кард болои ӯро нигоҳ.

Ба майдону ҳангоми базму шикор
Гаве буд монанди Исфандёр.

Аз ӯ ҳеч Гуштосп нашкефтӣ,
Ба дидори ӯ-бар ба ҷон шефтӣ.

Ҳаме гуфт, к-«Инам ҷаҳондор дод,
Ғамӣ будам, аз баҳри тимор дод.

Бимонод то ҷовидон Баҳманам,
Чу гум шуд сарафроз рӯинтанам».

Сар омад кунун разми Исфандёр,
Ки ҷовид бодо сари шаҳрёр[4].

Ҳамеша дил аз ранҷ пардохта,
Замона ба фармони ӯ сохта.

Дилаш бод шодону тоҷаш[5] баланд,
Ба гардан бадандеша ӯро каманд[6]!

---

1. ИЛ – В-аз.
2. ИЛМ – Варо ёфт равшандилу ёдгир.
3. ИЛ – яздонпараст.
4. ИМ – 4075 нест.
5. Л – бахт.
6. ИМ – пас аз б. 4077 ин б. омада:
   Зи Исфандёр омад ин достон,
   Ба поён шуд аз гуфтаи бостон.

www.sattor.com

ФЕҲРИСТИ ФУСУЛИ ҶИЛДИ ШАШУМ

Васият кардани Кайхусрав Гударзро 5
Хостани Зол маншур аз Кайхусрав барои Рустам 8
Маншур додани Кайхусрав Геврο 10
Маншур додани Кайхусрав Тусро 12
Додани Кайхусрав подшоҳӣ ба Лӯҳросп 14
Падруд кардани Кайхусрав ба канизакони худ 19
Рафтани Кайхусрав ба кӯҳ ва попадид шудан дар барф 21
Ғарқ шудани паҳлавонон дар миёни барф 26
Огоҳӣ ёфтани Лӯҳросп аз нопадид шудани Кайхусрав 30

Подшоҳии Лӯҳросп. Оташкада сохтани Лӯҳросп ба Балх 34
Рафтани Гуштосп аз пеши Лӯҳросп ба хашм 36
Бозомадани Гуштосп бо Зарир 39
Рафтани Гуштосп ба сӯи Рум 44
Расидани Гуштосп ба Рум 45
Бурдани деҳқоне Гуштоспро дар хонаи хеш 50
Достони Катоюн - духтари Қайсар 52
Додани Қайсар Катоюн Гуштоспро 56
Хостани Мирин духтари дигарро аз Қайсар 59
Куштани Гуштосп гургро 65
Ба занӣ хостани Аҳран духтари сеюми Қайсарро 73
Куштани Гуштосп аждаҳоро ва додани Қайсар духтари худро ба Аҳран 80
Ҳунар намудани Гуштосп дар майдон 85
Номаи Қайсар ба Илёс ва бож хостан аз ӯ 90
Размм Гуштосп бо Илёс ва кушта шудани Илёс 95
Божи Эрон хостани Қайсар аз Лӯҳросп 97
Бурдани Зарир пайғоми Лӯҳросп ба Қайсар 101
Боз рафтани Гуштосп бо Зарир ба Эронзамин ва додани Лӯҳросп тахти Эрон ӯро 105

Подшоҳии Гуштосп. Ба хоб дидани Фирдавсӣ Дақиқиро 112
Ба Балх рафтани Лӯҳросп ва бар тахт нишастани Гуштосп 113
Пайдо шудани Зардушт ва пазируфтани Гуштосп дини ӯ 115
Пазируфтани Гуштосп божи Эрон Арҷоспро 119
Нома навиштани Арҷосп Гуштоспро 122

www.sattor.com

Пайғамбарон фиристодани Арҷосп Гуштоспро 126
Посух додани Зарир Арҷоспро 130
Бозгаштани фиристодагони Арҷосп бо посухи Гуштосп 132
Гирд овардани Гуштосп лашкари худро 137
Гуфтани Ҷомосп анҷоми разм бо Гуштосп 139
Лашкар оростани Гуштосп ва Арҷосп 149
Оғози разми эрониён ва турониён, кушта шудани
Ардашер ва Ширӯ ва Шедасп 152
Кушта шудани Гиромӣ пури Ҷомосп ва Невзор 155
Кушта шудани Зарир бародари Гуштосп аз дасти Бедирафш 158
Огоҳӣ ёфтани Исфандёр аз кушта шудани Зарир 164
Рафтани Исфандёр ба ҷанги Арҷосп 167
Куштани Настур ва Исфандёр Бедирафшро 171
Гурехтани Арҷосп аз корзор 173
Бахшоиш ёфтани туркон аз Исфандёр 175
Базомадани Гуштосп ба Балх 178
Фиристодани Гуштосп Исфандёрро ба ҳама кишвар ва
дини беҳ гирифтани эшон аз ӯ 180
Бадгӯӣ кардани Гуразм аз Исфандёр 184
Омадани Ҷомосп назди Исфандёр 187
Банд кардани Гуштосп Исфандёрро 190
Рафтани Гуштосп ба Систон ва лашкар оростани Арҷосп бори дигар 194
Анҷом шудани гуфтори Дақиқӣ ва боз омадани Фирдавсӣ
ба гуфтори худ ба ситоиши шоҳ Маҳмуд ва накӯҳиши
сухани Дақиқӣ 198
Омадани лашкари Арҷосп ба Балх ва кушта шудани Лӯҳросп 201
Огоҳ шудани Гуштосп аз кушта шудани Лӯҳросп ва лашкар
кашидани сӯи Балх 206
Ҳазимат шудани Гуштосп аз Арҷосп 211
Рафтани Ҷомосп ба дидани Исфандёр 215
Дидани Исфандёр бародари худ Фаршедвардро 223
Расидани Исфандёр бар кӯҳ ба назди Гуштосп 229
Фиристодани Гуштосп Исфандёрро бори дигар ба ҷанги Арҷосп 242

Достони ҳафт хон. Ситоиши подшоҳ Маҳмуд 245
Хони аввал – куштани Исфандёр ду гургро 247
Хони дуввум – куштани Исфандёр шеронро 254
Хони саввум – куштани Исфандёр аждаҳоро 256
Хони чаҳорум – куштани Исфандёр зани ҷодуро 260
Хони панҷум – куштани Исфандёр Симурғро 265
Хони шашум – гузаштани Исфандёр аз барф 269
Хони ҳафтум – гузаштани Исфандёр аз рӯд ва куштан Гургсорро 278
Рафтани Исфандёр ба Рӯиндиж ба ҷомаи бозоргон 284

www.sattor.com

Шинохтани хоҳарон Исфандёрро 291
Ҳамла кардани Башутан ба Рӯиндиж 296
Куштани Исфандёр Арҷоспро 299
Куштани Исфандёр Кӯҳрамро 304
Нома навиштани Исфандёр ба Гуштосп ва посухи ӯ 310
Бозгаштани Исфандёр назди Гуштосп 314

Достони размӣ Исфандёр бо Рустам. Оғози достон 321
Хостани Исфандёр подшоҳиро аз падар 326
Посух додани Гуштосп писарро 330
Панд додани Катоюн Исфандёрро 336
Лашкар овардани Исфандёр ба Зобул 339
Фиристодани Исфандёр Баҳманро ба назди Рустам 342
Расидани Баҳман ба назди Зол 347
Пайғом додани Баҳман Рустамро 350
Посух додани Рустам Баҳманро 355
Бозгаштани Баҳман 360
Расидани Рустам ва Исфандёр бо якдигар 363
Нахондани Исфандёр Рустамро ба меҳмонӣ 369
Пӯзиш кардани Исфандёр аз нохондани Рустам ба меҳмонӣ 373
Накӯҳиш кардани Исфандёр нажоди Рустамро 377
Посухи Рустам ба Исфандёр ва ситоиши нажод ва кирдори худ 379
Ситоиш кардани Исфандёр нажоди хешро 383
Ситоиш кардани Рустам паҳлавонии худро 387
Май хӯрдани Рустам бо Исфандёр 394
Бозгаштани Рустам ба айвони худ 402
Панд додани Зол Рустамро 407
Ҷанги Рустам бо Исфандёр 413
Кушта шудани писарони Исфандёр аз дасти Завора ва Фаромарз 419
Гурехтани Рустам ба болои кӯҳ 425
Рой задани Рустам бо хешон 433
Чора сохтани Симурғ Рустамро 436
Бозгаштани Рустам ба ҷанги Исфандёр 443
Тир андохтани Рустам Исфандёрро ба чашм 449
Андарз кардани Исфандёр Рустамро 456
Бурдани Башутан тобути Исфандёрро назди Гуштосп 463
Боз фиристодани Рустам Баҳманро ба Эрон 471

www.sattor.com

АБУЛҚОСИМ
ФИРДАВСӢ

ШОҲНОМА

ҶИЛДИ VII

ДУШАНБЕ,
«АДИБ»
2009

www.sattor.com

ББК 83,3(0)9+83,3 (2 тоҷик)
А-19

Таҳияи матн ва луғату тавзеҳот аз
КАМОЛ АЙНӢ** ва **ЗОҲИР АҲРОРӢ

Муҳаррир
Мубашшир Акбарзод

А-19 ***Абулқосим Фирдавсӣ*. Шоҳнома**. — Душанбе: «Адиб», 2009. -480 саҳ.

Ба хонандаи азиз чопи севуми "Шоҳнома"-и безаволи Ҳаким Фирдавсӣ, ки бо кӯшиши таҳиягарони матни он омода гаштааст, пешкаш мегардад. Муҳаққиқон дар ин нашр аз нусхаҳои дигари "Шоҳнома" истифода кардаанд, ки ин арзиши корашонро бештар мекунад.

ISBN 978-99947-32-84-5

© Нашриёти "Адиб", 2009.

www.sattor.com

ДОСТОНИ РУСТАМ ВА ШАҒОД

ОҒОЗИ ДОСТОН

Кунун куштани Рустам орем пеш,
Зи дафтар ҳам эдун ба гуфтори хеш[1].

Яке пир буд номаш Озодсарв,
Ки бо Аҳмади Саҳл буди ба Марв.

Куҷо номаи хусравон доштӣ,
Тану пайкари паҳлавон доштӣ[2].

Диле пур зи дониш, саре пурсухан,
Забон пур зи гуфторҳои куҳан.

Ба Соми Наримон кашидан нажод,
Басе доштӣ разми Рустам ба ёд.

Бигӯям сухан он чи з-ӯ ёфтам,
Суханро як андар дигар бофтам.

Агар монам андар сипанҷи сарой,
Равону хирад бошадам раҳнамой,

Сар орам ман ин номаи бостон,
Ба гетӣ бимонад зи ман достон.

Ба номи ҷаҳондор Маҳмудшоҳ,
Абулқосим он фарри дайҳиму гоҳ.

Худованди Эрону Тӯрону Ҳинд,
Ба фарраш ҷаҳон шуд чу руми паринд.

Ба бахшиш ҳама ганҷ бипроканад,
Ба доноиву ном ганҷ оганад.

1. ЛМ – б. 4078 нест.
2. И – б. 4080 нест.

www.sattor.com

Бузург асту чун солиён бугзарад,
Аз ӯ гӯяд он кас, ки дорад хирад.

Зи разму зи бахшиш, зи базму шикор
Зи дониш*[1] ҷаҳон шуд пур аз ёдгор.

Хунук он ки бинад кулоҳи варо,
Ҳамон боргоҳу сипоҳи варо.

Ду гӯшу ду пои ман оҳу гирифт,
Тиҳидастиву сол нерӯ гирифт.

Бубастам бад-ин гуна бадхоҳ бахт,
Бинолам зи бахти баду соли сахт.

Шабу рӯз хонам ҳаме офарин,
Бар он додгар шаҳрёри замин.

Ҳама шаҳр бо ман бад-ин ёваранд,
Агарчанд[2] баддину бадгавҳаранд.

Ки то ӯ ба тахти каӣ барнишаст,
Дари кину дасти бадиро бубаст.

Бупечонад онро, ки бешӣ кунад
В-агар чанд бешӣ ба пешӣ кунад.

Бубахшояд онро, ки дорад хирад
В-аз андозаи рӯз барнагзарад[3].

Аз ӯ ёдгоре кунам дар ҷаҳон,
Ки то ҳаст мардум, нагардад ниҳон –

Бад-ин номаи шаҳрёрони пеш,
Бузургони ҷангӣ, саворони пеш,

Ҳама базму разм асту рою сухан,
Гузашта басе корҳои куҳан.

1. М – додаш.
2. Л – Ҷуз онон, ки: ИМ – чуз онҳо, ки.
3. Л –Зи андозаи мард менагзард.

www.sattor.com

Ҳама донишу дину парҳезу рой,
Ҳамон ранамудан[1] ба дигар сарой.

Зи чизе к-аз эшон писанд оядаш,
Ҳамон рӯзро судманд оядаш,

Аз он бартар он ёдгораш бувад,
Ҳамон мӯниси рӯзгораш бувад.

Ҳаме чашм дорам бад-ин рӯзгор,
Ки динор ёбам ман аз шаҳрёр.

Ки аз ман пас аз марг монад нишон
Зи ганҷи шаҳаншоҳи гарданкашон.[2]

Кунун бозгардам ба гуфтори Сарв,
Фурӯзандаи Саҳли Моҳон ба Марв.

РАФТАНИ РУСТАМ БА КОБУЛ АЗ БАҲРИ БАРОДАРАШ ШАҒОД

Чунин гӯяд он пири донишпазир,
Ҳунарманду гӯяндаву ёдгир,

Ки дар пардаи Зол буд бандае,
Навозандаи рӯду гӯяндае.

Канизак писар зод аз вай яке,
Ки аз моҳ пайдо набуд андаке.

Ба болову дидор Соми савор
В-аз ӯ шод шуд дудаи номдор.

Ситорашиносону кундоварон,
Зи Кашмиру Кобул гузида сарон,

Зи оташпарасту зи яздонпараст,
Бирафтанд бо зичи румӣ[3] ба даст.

1. И – раҳнамунӣ.
2. Л – пас аз б. 4106 ин б. омада:
Дилу чашм дорам ба дигар сарой,
Ки омурзиш ояд маро аз худой.
3. И – ҳиндӣ.

www.sattor.com

Гирифтанд ҳар як[1] шумори сипеҳр,
Ки дорад бад-он кӯдаки хурд меҳр.[2]

Ситорашумар, к-он шигифтӣ бидид,
Ҳаме ин бад-он, он бад-ин бингарид.

Бигуфтанд бо Золи Соми савор,
Ки «Эй аз баландахтарон ёдгор,

Гирифтему дидем[3] рози сипеҳр,
Надорад бад-ин кӯдаки хурд меҳр[4].

Чу ин[5] хубчеҳра ба мардӣ расад,
Ба гоҳи далериву гурдӣ расад,

Кунад тухмаи Соми Найрам табоҳ,
Шикаст андарорад бад-ин дастгоҳ.*[6]

Ҳама Систон з-ӯ шавад пурхурӯш
В-аз ӯ*[7] шаҳри Эрон бароядд ба ҷӯш.

Шавад талх аз ӯ рӯз бар ҳар касе
В-аз он пас ба гетӣ намонад басе».

Ғамӣ гашт аз он кор Дастони Сом,
Зи дидори кайҳон ҳаме бурд ном.

Ба Яздон чунин гуфт, к-«Эй раҳнамой,
Ту дорӣ сипеҳри равонро ба пой.

Ба ҳар кор пушту паноҳам туӣ,
Намояндаи рою роҳам туӣ.

Сипеҳр офаридиву ахтар ҳамон,
Аз ин[8] некӯӣ буд моро гумон.

---

1. ИЛМ – яксар.
2. ТПЗ – Чу дар ахтари хурд кардаш нигоҳ
   Пижӯҳанда дид ахтарашро табоҳ.
3. ИМ – ҷустем.
4. Л –б. 4115 – 4117 нест.
5. ИЛ – он.
6. М – Пешгоҳ.
7. М – Ҳамон.
8. ИЛМ – Ҳама.

www.sattor.com

Ба ҷуз кому орому хубӣ мабод,
Варо ном кардаш сипаҳбад Шағод.

Ҳаме дошташ то бишуд сери шир[1],
Диловому гӯяндаву ёдгир.

Бад-он гаҳ, ки кӯдак барафрохт ёл,
Бари шоҳи Кобул фиристод Зол.

Чу он шуд ба болои[2] сарви баланд,
Саворе диловар ба гурзу каманд.

Сипаҳдори Кобул дар ӯ бингарид,
Ҳаме тоҷу тахти каиро сазид.

Ба гетӣ ба дидори ӯ буд шод,
Бад-ӯ дод духтар зи баҳри нажод.

Зи ганҷи бузург он чи буд дар х[в]араш,
Фиристод бо номвар духтараш.

Ҳаме дошташ чун яке тозасеб,
К-аз ахтар наёяд бар ӯ - бар ниҳеб.

Бузургони Эрону Ҳиндустон,
Зи Рустам задандӣ ҳаме достон.

Чунон буд, ки ҳар сол як чарми гов,
Зи Кобул ҳаме хостӣ божу сов.

Дар андешаи меҳтари кобулӣ,
Чунон шуд, к-аз ӯ Рустами Зобулӣ

Нагирад зи кори дирам низ ёд,
Аз он пас, ки домоди ӯ шуд Шағод.

Чу ҳангоми бож омад, он бистаданд,
Ҳама шаҳри Кобул ба ҳам барзаданд.

Дижам шуд зи кори бародар Шағод,
Накард он сухан пеши кас низ ёд.

1. ИЛ – Ҳаме дошт модар чу шуд ширсер.
2. И – боло чу.

www.sattor.com

Чунин гуфт бо шоҳи Кобул ниҳон,
Ки ман сер гаштам зи кори ҷаҳон.

Бародар, ки ӯро зи ман шарм нест,
Маро сӯи ӯ роҳи озарм нест.

Чӣ меҳтар бародар, чӣ бегонае,
Чӣ фарзонамарде, чӣ девонае.

Бисозему ӯро ба дом оварем,
Ба гетӣ бад-ин кор ном оварем.

Ба гуфтор ҳар ду баробар шуданд,
Ба андеша аз моҳ бартар шуданд.

Нигар, то чи гуфтаст марди хирад,
Ки «Ҳар кас, ки бад кард, кайфар барад».

Шабе то баромад зи кӯҳ офтоб,
Ду танро наёмад сар - андар ба хоб.

Ки мо номи ӯ аз ҷаҳон кам кунем,
Дилу дидаи Зол пурнам кунем.

Чунин гуфт бо шоҳи Кобул Шағод,
Ки: «Гар з-ин сухан дод хоҳем дод.

Яке сур кун, меҳтаронро бихон,
Маю руду ромишгаронро бихон.

Ба май хӯрдан-андар варо сард гӯй,
Миёни сухан ноҷавонмард гӯй.

Зи хорӣ шавам сӯи Зобулситон,
Бинолам зи солори Кобулситон.

Чӣ пеши бародар чӣ пеши падар
Туро носазо хонаму бадгуҳар.

Барошӯбад ӯро сар аз баҳри ман,
Биёяд бад-ин номвар шаҳри ман.

Ту нахчиргоҳе нигаҳ кун ба роҳ,
Бикан чоҳ чанде ба нахчиргоҳ.

www.sattor.com

Бар андозаи Рустаму Рахш соз[1],
Ба бун дарнишон теғҳои дароз.

Ҳамон найзаву дашнаи[2] обгун,
Синон аз бару даста зер андарун

Агар даҳ канӣ чоҳ, беҳтар зи панҷ,
Чу хоҳӣ, ки осуда гардӣ зи ранҷ.

Ба ҷой ор сад марди найрангсоз,
Бикан чоҳу бар бод макшой роз.

Сари ҷоҳро з-он сипас сахт кун[3].
Зи гуфтор лаб низ пардахт кун».[4]

Бишуд шоҳу рой аз маниш дур кард,
Ба гуфтори он бехирад сур кард.

Кеҳону меҳонро зи Кобул бихонд,
Ба хони писандидашон[5] барнишонд.

Чу нон хӯрда шуд, маҷлис оростанд,
Маю руду ромишгарон хостанд.

Чу сар пур шуд аз бодаи хусравӣ,
Шағод андар ошуфт аз бадхӯвӣ.

Чунин гуфт бо шоҳи Кобул ки «Ман
Ҳаме сар фарозам ба ҳар анҷуман.

Бародар чу Рустам, чу Дастон падар,
Аз ин номвартар кӣ дорад гуҳар?»

Аз ӯ шоҳи Кобул барошуфту гуфт,
Ки: «Чандин чӣ дорам сухан дар нуҳуфт.

Ту аз тухмаи Соми Найрам наӣ,
Бародар наӣ, хеши Рустам наӣ.

1. И – рахшу Рустам бисоз.
2. ИЛМ – ҳарбаи.
3. ЛМ – сахт кун з-он сипас.
4. ЛМ – Магӯ ин сухан бо ҳеҷ кас.
5. И – гарон-мояшон.

www.sattor.com

Накардаст ёд аз ту Дастони Сом,
Бародар зи ту кай барад низ ном?!

Ту аз чокаре камтарӣ бар дараш,
Бародар нахонад туро модараш».

Зи гуфтори ӯ тангдил шуд Шағод,
Барошуфту сар сӯи Зобул ниҳод.

Ҳаме рафт бо кобулӣ чанд мард,
Диле пур зи кин, лаб пур аз боди сард.

Биёмад ба даргоҳи фаррух падар,
Диле пур зи чора, пур аз кина сар.

Ҳамон гаҳ чу рӯи писар дид Зол,
Чунон бурзу болову он фарру ёл,

Бипурсид бисёру бинвохташ,
Ҳамон гаҳ бари пилтан тохташ.

Зи дидори ӯ шод шуд паҳлавон,
Чу дидаш хирадманду равшанравон.

Чунин гуфт, к-«Аз тухмаи Соми шер,
Назояд магар зӯрманду далер!

Чӣ гунаст кори ту бо кобулӣ
Чӣ гӯяд вай аз Рустами зобулӣ?»

Чунин дод посух ба Рустам Шағод,
Ки: «Аз шоҳи Кобул макун ҳеҷ*[1] ёд.

Аз ӯ некӯӣ буд маро пеш аз ин,
Чу дидӣ маро, хондӣ офарин.

Кунун май хӯрад, ҷанг созад ҳаме,
Сар аз ҳар касе барфарозад ҳаме.

Маро бар сари анҷуман хор кард,
Ҳамон гавҳари бад падидор кард.

1. М – низ.

www.sattor.com

Ба ман гуфт: «То чанд аз ин божу сов,
Ки бо Систон мо надорем тов?

Аз ин пас нагӯям, ки ӯ Рустам аст,
На з-ӯ мардиву гавҳари ман кам аст,

На фарзанди Золӣ маро гуфт низ
В-агар ҳастӣ, ӯ худ наярзад ба чиз.

Аз он меҳтарон шуд дилам пур зи дард,
Зи Кобул бирондам[1] ду рухсора зард».

Чу бишнид Рустам барошуфту гуфт,
Ки «Ҳаргиз намонад сухан дар нуҳуфт.

Аз ӯ низ мандеш в-аз кишвараш,
Ки на кишвараш боду на афсараш.

Ман ӯро бад-ин гуфта беҷон кунам,
Бар ӯ - бар дилу дида печон кунам.

Нишонам туро шод бар тахти ӯй,
Ба хок андарорам сари бахти ӯй».

Ҳаме дошташ рӯз чанд арҷманд
Супурда бад-ӯ ҷойгоҳи баланд.[2]

Зи лашкар гузин кард шоистамард,
Касеро, ки номӣ буд андар набард.

Бифармуд, то сози рафтан кунанд,
Зи Зобул ба Кобул нишеман кунанд.

Чу шуд кори лашкар ҳама сохта,
Дили паҳлавон гашт пардохта,

Биёмад бари марди ҷангӣ Шағод,
Ки: «Бо шоҳи Кобул макун размёд.

Агар номи ту барнависам бар об
Ба Кобул наёбад кас орому хоб.

1. ИЛМ – бирафтам.
2. ТПЗ – В-аз он пас баророст ҳар гуна кор
Бад-он то ба Кобул кунад корзор.

www.sattor.com

Кӣ ёрад, ки пеши ту ояд ба ҷанг
В-агар ту биҷунбӣ, кӣ созад диранг?!

Бар онам, ки ӯ з-он*[1] пушаймон шудаст
В-аз он рафтанам сӯи дармон шудаст.

Биёрад[2] кунун пеш хоҳишгарон
Зи Кобул гузида фаровон сарон».

Чунин гуфт Рустам, ки: «Ин аст роҳ
Маро худ ба Кобул набояд сипоҳ.

4200 Завора басу номвар сад савор,
Пиёда ҳамон, низ сад номдор».

ЧОҲ КАНДАНИ ШОҲИ КОБУЛ ДАР ШИКОРГОҲ ВА ФИТОДАНИ РУСТАМ ВА ЗАВОРА ДАР ОН

Бадахтар чу аз шаҳри Кобул бирафт,
Бад-он дашти нахчир шуд шоҳ тафт.

Бибурд аз миён лашкари[3] чоҳкан,
Куҷо ном бурданд аз он анҷуман.

Саросар ҳама дашти нахчиргоҳ,
Ҳама чоҳ канданд дар зери роҳ.

Зада ҳар баҳоро бун андар замин,
Ҳамон теғу жӯпину шамшери кин.

4205 Ба чора сари чоҳро кард кӯр,
Ки мардум надидӣ, на чашми сутур.

Чу Рустам дамон сар ба рафтан ниҳод,
Саворе барафканд пӯён Шағод,

Ки омад гави пилтан бе сипоҳ,
Ту пеш ою з-он карда зинҳор хоҳ.

1. М – худ.
2. И – Фиристод.
3. ИМ – миёни сипаҳ.

www.sattor.com

Сипаҳдори Кобул баромад зи шаҳр,
Забон пур зи пӯзиш, равон пур зи заҳр.

Чу чашмаш ба рӯи Таҳамтан расид,
Пиёда шуд аз асп, к-ӯро бидид.

Зи сар шораи ҳиндувӣ баргирифт,
Бараҳна шуду даст бар сар гирифт.

Ҳамон мӯза аз пой берун кашид,
Ба зорӣ ба мижгон зи дил хун кашид.

Ду рухро ба хоки сияҳ барниҳод.
Ҳаме[1] кард пӯзиш зи кори Шағод,

Ки гар маст шуд банда аз беҳушӣ,
Намуд андар он беҳушӣ саркашӣ,

Сазад, гар бубахшӣ гуноҳи маро,
Кунӣ тоза оину роҳи маро.

Ҳаме рафт пешаш бараҳна ду пой,
Саре пур зи гарду диле пур зи рой.

Бубахшид Рустам гуноҳи варо,
Фузун кард аз он пойгоҳи варо.

Бифармуд, то сар бипӯшиду пой,
Ба зин барнишасту биёмад зи ҷой.

Бари шаҳри Кобул яке ҷой буд,
Зи сабзӣ заминаш[2] дилорой буд.

Бад-ӯ - андарун обу чанде дарахт,
Ба шодӣ ниҳоданд ҳар ҷой рахт.

Басе хӯрданиҳо биёвард шоҳ,
Биёрост хуррам яке ҷашнгоҳ.

Май оварду ромишгаронро бихонд,
Меҳонро ба тахти меҳӣ барнишонд.

1. Л – басе.
2. И – заминаш зи сабза.

www.sattor.com

Аз он пас ба Рустам чунин гуфт шоҳ,
Ки «Чун роят ояд ба нахчиргоҳ,[1]

Яке ҷой дорам, ки[2] бар дашту кӯҳ,
Ба ҳар ҷой нахчир гардад[3] гурӯҳ.

Ҳама дашт ғурм асту оҳуву гӯр,
Касеро, ки бошад таковар сутур,

Ба чанг ояд-аш гӯру оҳу ба дашт,
Аз он дашти хуррам нашояд гузашт».

Зи гуфтори ӯ Рустам омад ба шӯр,
Аз он дашти пуробу нахчиру гӯр.

Ба чизе, ки ояд касеро замон,
Бупечад дилаш, каж бигардад[4] гумон.

Чунин кор дорад[5] ҷаҳони[6] ҷаҳон,
Нахоҳад кушодан ба мо-бар ниҳон.

Ба дарё наҳангу ба ҳомун паланг,
Ҳамон шери ҷанговари тезчанг,

Або*[7] пашшаву мӯр дар чанги марг,
Яке бошад, эдар будан нест барг.

Бифармуд, то аспро[8] зин кунанд,
Ҳама дашт пурбозу шоҳин кунанд.

Камони каёнӣ ба таркаш ниҳод[9].
Ҳаме ронд бар дасти ӯ-бар Шағод.

Завора ҳаме рафт он пилтан,
Тане чанд аз он номдор анҷуман.

1. И – б. 4021, 4022 нест.
2. Л – дорем.
3. Л – гашта.
4. И – Ба пеши длиша кӯр гардад.
5. ЛМ – аст кори.
6. И – аст кори ҷаҳону.
7. М – Ҳамон.
8. ЛМ – рахшро.
9. Л – Зеҳ барниҳод.

www.sattor.com

Ба нахчир лашкар пароканда шуд,
Баробар[1] ба як сӯ аз ӯ[2] канда шуд.

Завора, Таҳамтан бар он роҳ буд,
Зи баҳри замон, к-андар он[3] чоҳ буд.

Ҳаме Рахш аз он хоки нав ёфт бӯй,
Тани хешро гирд карда чу гӯй.

Ҳаме часту тарсон шуд аз бӯи хок,
Заминро ба наълаш ҳаме кард чок.

Бизад гом Рахши таковар ба роҳ,
Чунин то биёмад миёни ду чоҳ.

Дили Рустам аз Рахш шуд пур зи хашм,
Замона хирадро бипӯшид чашм.

Яке тозиёна баровард нарм,
Бизад тангдил, Рахшро кард гарм.

Чу ӯ танг шуд дар миёни ду чоҳ,
Зи чанги замона ҳаме ҷуст роҳ.

Ду пояш фурӯ шуд ба як чоҳсор,
Набуд ҷои овезишу корзор.

Буни чоҳ пурҳарбаву теғи тез,
Набуд ҷои мардиву роҳи гурез.

Бидаррид паҳлӯи Рахши бузург,
Бари пои он[4] паҳлавони сутург.

Ба мардӣ тани хешро баркашид,
Далер аз буни чоҳ-бар сар кашид.

КУШТАНИ РУСТАМ ШАҒОДРО ВА МУРДАН

Чу бо хастагӣ чашмҳо баркушод,
Бидид он бадандеш рӯи Шағод.

1. И – ба раҳ-бар.
2. И – он.
3. Л – куҷо андар он роҳҳо.
4. И – бозӯи.

www.sattor.com

Бидонист, к-он чораву роҳи ӯст,
Шағоди фиребанда[1] бадхоҳи ӯст.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй марди бадбахти шум,
Зи кори ту вайрон шуд ободбум.

Пушаймонӣ ояд туро з-ин сухан,
Бупечӣ аз ин бад нагардӣ куҳан».

Чунин посух овард нокас Шағод,
Ки «Гардуни гардон туро дод дод.

Ту чандин чи ёзӣ ба хун рехтан,
Ба ҳар сӯ ба торочу овехтан?

Гаҳ омад, ки бар ту сар ояд замон,
Шавӣ кушта бар доми Оҳарманон».

Ҳамон гаҳ сипаҳдори Кобул зи роҳ,
Биёмад бар он дашти нахчиргоҳ.

Гави пилтанро чунон хаста дид,
Ҳама хастагиҳош нобаста дид.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй номдори сипоҳ,
Чӣ будат бар ин дашти нахчиргоҳ?

Шавам зуд чанде пизишк оварам,
Зи баҳри[2] ту хунин сиришк оварам.

Магар[3] хастагиҳот гардад дуруст,
Набояд маро рух ба хуноб шуст».

Таҳамтан чунин дод посух бад-ӯй,
Ки «Эй марди бадгавҳари чорачӯй,

Сар омад маро рӯзгори пизишк,
Ту бар ман маполой хунин сиришк.

1. Л – бадандеш.
2. ЛМ – дарди.
3. Л – ҳама.

www.sattor.com

Фаровон бимонӣ, сар ояд замон,
Касе зинда барнагзарад з-осмон[1].

На ман беш дорам зи Ҷамшед фар,
Ки бубрид душман миёнаш ба ар.

Ҳамон аз Фаридуну*[2] аз Кайқубод,
Бузургону шоҳони фаррухнажод.[3]

Гулӯи Сиёвуш ба ханҷар бурид
Гурӯи Зиреҳ, чун замонаш расид.

Ҳама шаҳрёрони Эрон буданд,
Ба разм-андарун наррашерон буданд.

Бирафтанду мо дертар мондем,*[4]
Чу шери жаён бар гузар мондем.*[5]

Фаромарз пури ҷаҳонбини ман
Биёяд, бихоҳад зи ту кини ман»,

Чунин гуфт пас бо Шағоди палид,
Ки «Акнун, ки бар ман чунин бад расид,

Зи таркаш баровар камони маро,
Ба кор овар он тарҷумони маро.

Ба зеҳ кун бинеҳ пеши ман бо ду тир,
Набояд куҷо шери нахчиргир,

---

1. ТПЗ – Чу Афросиёб он бадандеш мард,
Ки Кайхусрав ӯро ба ду ним кард.
2. М – На аз Офаридуну.
3. Л – пас азб. 4259 ин б. омада:
Бихандид в-аз ҷой баргашт шод,
Ҳаме хондаш ӯ офарин бар Шағод,
Завора ба чоҳи дигар дарфитод.
Дигар бора омад бари ӯ Шағод.
Бад-ӯ гуфт бин, эй бародар, чӣ буд.
Чӣ омад бар ин сон, ки дардат фузуд?
Ҳамон буд, ки кардӣ ту бо бад гумон
Бад-ин ҷоят акнун сар ояд замон.
Таҳамтан чунин дод посух бад-ӯй,
Ки баргард аз ин ҷову хира магӯй.
Замона саросар ба дасти ту буд,
Зи тухме ки киштӣ, бибояд дуруд.
4. М – мондаем.
5. М – мондаем.

www.sattor.com

Ба дашт андарояд барои шикор,
Ман ин ҷо фитода чунин танфигор,[1]

Бубинад маро, з-ӯ газанд оядам,
Камон чун бувад, судманд оядам.

Надаррад магар зинда шерон танам,
Замоне бувад тан ба хок афканам».

Шағод омад он чархро баркашид,
Ба зеҳ кард як бора андаркашид.

Бихандиду пеши Таҳамтан ниҳод,
Ба марги бародар ҳаме буд шод.

Таҳамтан ба сахтӣ камон баргирифт,
Бад-он хастагӣ печиш андар гирифт.

Бародар зи тираш битарсид сахт,
Биёмад сипар кард танро[2] дарахт.

Дарахте буд андар бари ӯ чинор,
Бар ӯ баргузашта басе рӯзгор.

Миёнаш тиҳӣ, шоху баргаш ба ҷой,
Ниҳон шуд пасаш марди нопокрой.

Чу Рустам чунин дид, бифрохт даст,
Чунон хаста аз тир букшод шаст.

Дарахту бародар ба ҳам барбидӯхт,
Ба ҳангоми рафтан дилаш барфурӯхт.

Шағод аз паси захми ӯ оҳ кард,
Таҳамтан бар ӯ дард[3] кӯтоҳ кард,

Чунин гуфт Рустам, ки «Яздон сипос,
Ки будам ҳамасола яздоншинос.

К-аз он пас, ки ҷонам расида ба лаб,
Бар ин кини ман рӯз н-омад ба шаб.

---
1. И –б. 4269 нест.
2. Л – бар худ.
3. И – рӯз.

www.sattor.com

Маро зӯр додӣ, ки аз марг пеш,
Аз ин бевафо бистадам кини хеш».[1]

Бигуфт ину ҷонаш баромад зи тан,
Бар ӯ зору гирён шуданд анҷуман.

Завора ба чоҳи дигар дарбимурд,
Саворе намонд аз бузургону хурд.

ОГОҲӢ ЁФТАНИ ЗОЛ ВА КУШТА ШУДАНИ РУСТАМ ВА ЗАВОРА ВА ОВАРДАНИ ФАРОМАРЗ ТОБУТИ ЭШОНРО ВА БА ДАХМА НИҲОДАН

Аз он номдорон саворе биҷаст,
Гаҳе шуд пиёда, гаҳе барнишаст.

Биёмад*[2] сӯи Зобулистон бигуфт,
Ки «Пили[3] жаён гашт бо хок ҷуфт.

Завора ҳамону сипоҳаш ҳамон,
Саворе нараст[4]*[5] аз бади бадгумон».

Хурӯше баромад зи Зобулситон,
Зи бадхоҳу аз шоҳи Кобулситон[6].

Ҳаме рехт Зол аз бари ёл хок,
Ҳаме кард рӯю бари хеш чок.

Ҳаме гуфт зор: «Эй гави*[7] пилтан,
Нахоҳам, ки пӯшад танам ҷуз кафан.

---

1. ТПЗ – Гуноҳам биёмурзу пӯзиш пазир,
Ки ҳастӣ ту бахшандаву дастгир.
Ҳамон роҳи пайғамбару дини ту
Пазируфтаму роҳу оини ту.
Чу дорам раҳи дину оини пок.
Равонам кунун гар барояд чӣ бок
Ба мину барафрӯз ҷони маро
Ба туст ошкоро ниҳони маро.
2. М – Чу омад.
3. Л – Шери.
4. Л – намонд.
5. М – наҷаст.
6. И – 4288 – 4289 нест.
7. М – яли.

www.sattor.com

Гави сарфароз, аждаҳои далер,
Завора, ки буд номбардор шер.

Шағод он банафрини шӯридабахт,
Биканд аз бун он хусравонӣ дарахт.

Кӣ донад, ки бо шер рӯбоҳи шум
Ҳаме кин сиголад бад-он марзу бум?

Кӣ дорад ба ёд инчунин рӯзгор,
Кӣ ёрад шунид ин зи омӯзгор,

Ки шере чу Рустам бад-он тирахок,
Зи гуфтори рӯбоҳ гардад ҳалок?

Чаро пеши эшон намурдам ба зор,
Чаро мондам андар ҷаҳон ёдгор?[1]

Чаро боядам зиндагониву ном[2],
Ки шуд канда ин тухми Дастони Сом?[3]

Гаво, шергиро, яло, меҳтаро,
Диловар, ҷаҳонгиру кундоваро!»[4]

Ҳамон гаҳ Фаромарзро бо сипоҳ
Фиристод, то разм ҷӯяд зи шоҳ.

Тани кушта аз хок боз оварад,
Ҷаҳонро ба зорӣ ниёз оварад.

1. ТП – Дареғо, гаво, шердил Рустамо
Фурӯзандаи тухмаи Найрамо.
2. Л – гоҳ; И –б. 4295 – 4297 нест.
3. Л – Чаро боядам хӯрду оромгоҳ?
4. ТПЗ – Зи ҷонам барангехтӣ тирагард,
Кӣ ёраст бо ту чунин кор кард?!
Кунун ман агар кӯҳ ҳомун кунам,
В-агар оби Ҷайҳун пур аз хун кунам,
Мар ин кинаро аз кӣ хоҳам кунун,
Ки бинам, наярзад ҷаҳоне ба хун.
Ҷаҳон, то ту будӣ, нигаҳ доштӣ
Чу рафтӣ, кунун бар кӣ бугзоштӣ?!
Кунун, к-он камаргоҳи ту гашт чок,
Чӣ гетӣ ба чашмам, чӣ як мушти хок?!

www.sattor.com

Фаромарз чун назди*[1] Кобул расид,
Ба шаҳр-андарун номдоре надид.

Гурезон ҳама шаҳр гирён шуда,
Зи сӯги ҷаҳонгир бирён шуда.

Биёмад бар он дашти нахчиргоҳ
Ба ҷое куҷо канда буданд чоҳ.

Бифармуд пас, то ниҳоданд тахт,
Ниҳоданд бар тахти зебо дарахт.

Кушод аз миён бастаи паҳлавиш,
Бароҳехт аз ӯ ҷомаи хусравиш.

Нахустин бишустанд дар оби гарм
Бару ёлу ришаш ҳама нарм-нарм.

Бараш*[2] мушку анбар ҳаме сӯхтанд,[3]
Ҳама*[4] хастагиҳош бардӯхтанд.

Ҳаме рехт бар торакаш-бар гулоб,
Бигустурд бар тан-ш кофури ноб.

Ба дебо танашро биперостанд*[5]
В-аз он пас гулу мушку май хостанд[6].

Кафандӯз бар вай буборид хун,
Ба шона зад он риши кофургун.

Набуд ҷой мар тан-шро бар ду тахт,
Тане буд гар[7] соягустар дарахт?!

Яке нағзтобут карданд соҷ,
Бар ӯ мехи заррину пайкар зи оҷ.

Ҳама дарзҳоро гирифта ба қир,
Баролуда бар қир мушку абир.

1. М – пеши.
2. М – Ҳама.
3. ИЛ – Ҳаме анбару заъфарон сӯхтанд.
4. М – Бару.
5. М – танаш бар биёростанд.
6. И –б. 4310 нест.
7. Л – чун.

www.sattor.com

Зи чоҳе бародар-шро[1] баркашид,
Ҳаме дӯхт ҷое куҷо хаста дид.

Бишустанду кардаш зи дебо кафан,
Биҷустанд ҷое буни норван.

Бирафтанд бедордил даргарон,
Буриданд аз ӯ тахтаҳои гарон[2].

В-аз он пас тани Рахшро баркашид,
Ба гетӣ чу ӯ асп дигар надид.[3]

Ду рӯз андар он кор шуд рӯзгор,
Тани Рахш бар пил карданд бор.

Зи Кобулситон то ба Зобулситон,
Замин шуд ба кирдори ғулғулситон.

Зану мард буд истода ба пой,
Касеро[4] набуд бар замин низ ҷой.

Ду тобут бар даст бугзоштанд,
Зи анбӯҳ чун бод пиндоштанд.

Ба ду рӯзу як шаб ба Зобул расид,
Касаш[5] бар замин - бар ниҳода надид,

Замона шуд аз дарди ӯ пурхурӯш,
Ту гуфтӣ, ки ҳомун баромад ба ҷӯш[6].

Ба боғ-андарун дахмае сохтанд,
Сарашро ба абр - андар афрохтанд.

1. Л – Завора зи чоҳе.
2. ТПЗ – Зи бар мушку кофуру равшан гулоб.
Чунон ҳам ҳаме рехт бар ҷои хоб.
3. ИЛ – б. 4318 нест.
4. И – Паеро.
5. Л – касе.
6. ТПЗИЛМ – Касе низ нашнид овози кас,
Ҳама марзҳо* мӯя диданду бас.
* ИЛ – бумҳо.

www.sattor.com

Баробар ниҳоданд заррин ду тахт,
Бад-он хобгаҳ шуд гави некбахт.[1]

Ҳар он кас, ки буд аз парастандагон,
Аз озоду аз покдил бандагон,

Ҳама мушк бо гил баромехтанд,
Ба пои гави пилтан рехтанд.

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки «Эй номдор,
Чаро хостӣ мушку анбар нисор?

4330 Нагирӣ[2] ҳаме подшоҳиву базм,
Накӯшӣ[3] ҳаме низ ҳангоми[4] разм.

Набахшӣ ҳаме ганҷу динор низ,
Ҳамоно, ки шуд пеши ту хор чиз.

Кунун шод бодӣ ба хуррам биҳишт,
Ки Яздонат аз доду мардӣ сиришт!»

Дари дахма бастанду гаштанд боз,
Шуд он номвар шери гарданфароз.

Ҳамон Рахшро бар дари дахма ҷой –
Бикарданд гӯре чу аспе ба пой.[5]

4335 Чӣ ҷӯӣ ҳаме з-ин сарои сипанҷ,
Ки оғоз ганҷ асту фарҷом ранҷ?

Бирезӣ ба хок ар ҳама оҳанӣ,
Агар динпарастӣ, гар Оҳарманӣ.

Ту то зиндаӣ, сӯи некӣ гирой,
Магар ком ёбӣ ба дигар сарой.

1. ТПЗ – Яке тахти дигар Завора бар ӯй
Ниҳоданд паҳлӯи он номҷӯй.
2. Л – нахоҳӣ.
3. ЛМ – Напӯшӣ.
4. Л – хафтони.
5. ИЛМ – б. 4334 нест.

www.sattor.com

ЛАШКАР КАШИДАНИ ФАРОМАРЗ БА КИНИ РУСТАМ ВА КУШТАНИ Ӯ ШОҲИ КОБУЛРО

Фаромарз чун сӯги Рустам бидошт,
Сипаҳро ҳама сӯи ҳомун гузошт.

Дари хонаи пилтан боз кард,
Сипаҳро зи ганҷу дирам соз кард.

Саҳаргаҳ хурӯш омад аз карраной,
Ҳам аз кӯси рӯину ҳиндидарой.

Сипоҳе зи Зобул ба Кобул кашид,
Ки хуршед гашт аз ҷаҳон нопадид.

Чу огоҳ шуд шоҳи Кобулситон,
Аз он номдорони Зобулситон,

Сипоҳи парокандаро гирд кард,
Замин оҳанин шуд, ҳаво лоҷвард.

Пазира Фаромарз шуд бо сипоҳ,
Бишуд рӯшноӣ зи хуршеду моҳ.

Сипаҳро чу рӯй андаромад ба рӯй.
Ҷаҳон шуд пуровози пархошҷӯй.

Аз анбӯҳи аспони гарди сипоҳ,
Ба беша - дарун шер гум кард роҳ.

Баромад яке боду гарди кабуд,
Замин з-осмон ҳеҷ пайдо набуд,

Биёмад Фаромарз пеши сипоҳ,
Бизад хештан тез бар қалбгоҳ[1].

Зи гарди саворон ҷаҳон тор шуд,
Сипаҳдори Кобул гирифтор шуд.

1. ИЛМ – Ду дида набардошт аз рӯи шоҳ.
ТПЗИЛ – Чу бархост овози кӯс аз ду рӯй,
Беором шуд мардуми ҷангҷӯй*
Фаромарз бо ҳормоя сипоҳ
Бизад хештан тез бар** қалбгоҳ.
* Л – киначӯй; ** Л – хештанро бар он.

www.sattor.com

Пароганда шуд[1] он сипоҳи бузург
Далерони Зобул ба кирдори гург,

Зи ҳар сӯ ба эшон камин сохтанд,
Паси лашкар андар ҳаме тохтанд.

Бикуштанд чандон зи гурдони Ҳинд,
Ҳам аз пурманиш номдорони Синд,

Ки гил шуд ҳама хоки овардгоҳ,
Пароканда хиндиву синдисипоҳ.

Дил аз марзу аз хона бардоштанд,
Зану кӯдаки хурд бугзоштанд.

Тани меҳтари кобулӣ пур зи хун,
Фиканда ба сандуқи пил андарун.

Биёвард лашкар ба нахчиргоҳ,
Ба ҷое куҷо канда буданд чоҳ.

Ҳаме бурд бадхоҳро баста даст,
Зи хешони ӯ низ чил бутпараст.

Зи пушти сипаҳбад зеҳе баркашид,
Чунон, к-устухони вай омад падид.

Ба чоҳ андаровехташ сарнагун,
Танаш[2] пур зи хоку даҳон пур зи хун.

Чиҳил хеши ӯро бар оташ ниҳод
В-аз он ҷойгаҳ рафт сӯи Шағод.

Ба кирдори кӯҳ оташе барфурӯхт,
Шағоду чанору заминро бисӯхт.

Чу лашкар сӯи Зобулистон расид,*[3]
Ҳама хоки Кобул ба*[4] Дастон кашид.

1. И – гашт.
2. Л – сараш.
3. М – кашид.
4. М – хок ӯ сӯи.

www.sattor.com

Чу рӯзи ҷафопеша кӯтоҳ кард,
Ба Кобул яке зобулӣ[1]*[2] шоҳ кард.

Аз он дудмон кас ба Кобул намонд,
Ки маншури теғи варо барнахонд.

Зи Кобул биёмад пур аз доғу дард,
Шуда рӯзи равшан бар ӯ лоҷвард.

Хурӯшон ҳама Зобулистону Буст,
Якеро набуд ҷома бар тан дуруст.

Ба пеши Фаромарз боз омаданд,
Даридабару пургудоз омаданд.

БЕҲУШ ГАШТАНИ РУДОБА АЗ СӮГИ РУСТАМ

Ба як сол дар Систон сӯг буд,
Ҳама ҷомаҳошон сиёҳу кабуд.

Чунон гуфт Рудоба рӯзе ба Зол,
Ки «Аз ранҷу сӯги Таҳамтан бинол.

Ҳамоно, ки то хаст гетифурӯз,
Аз ин тиратар кас надидаст рӯз».

Бад-ӯ гуфт Зол «Эй зани камхирад,
Ғами ночаридан[3] бар ин[4] бугзарад».

Барошуфт Рудоба, савганд хӯрд,
Ки «Ҳаргиз наёбад танам хобу хӯрд.

Равонам равони гави пилтан
Магар боз бинад бад-он анҷуман».

Зи хӯрдан ба як[5] ҳафта тан боз дошт,
Ки бо ҷони Рустам яке[6] роз дошт.

1. Л – меҳтаре.
2. М – мардро.
3. Л – нону хӯрдан.
4. Л – ӯ.
5. Л – яке.
6. ЛМ – ба дил.

www.sattor.com

Зи нохӯрданаш чашм торик шуд.
Тани паҳлавониш борик шуд.

Зи ҳар сӯ, ки рафтӣ парастанда чанд,
Ҳаме рафт бо ӯ зи бими газанд.

Сари ҳафтаро з-ӯ хирад дур шуд,
Зи девонагӣ мотамаш сур шуд.

Биёмад ба матбах ба ҳангоми хоб,
Яке мори мурда бидид андар об.

Бизад дасту бигрифт печон сараш,
Бар-он буд, ки аз мор созад х[в]араш.

Парастанда аз дасти Рудоба мор,
Рабуду гирифтандаш[1] андар канор.

Кашидандаш аз ҷои нопок даст,
Ба айвон-ш бурданду ҷои нишаст.

Ба ҷое ки будиш, биншохтанд,
Бибурданду хону хуриш сохтанд.

Ҳаме хӯрд ҳар чиз, то гашт сер,
Фикананд хону ҷомаи нарм зер.

Биҳуфту баросуд аз андӯҳу ранҷ,
Зи тимори маргу аз андӯҳи ганҷ.

Хуриш хост,к-аз хоб бархост низ,
Бибурданд ҳар гуна бисёр чиз[2].

Чу боз омадаш ҳуш, бо Зол гуфт,
Ки «Гуфтори ту бо хирад буд ҷуфт.

Ҳар он кас, ки ӯро хуру хоб нест,
Ғами марг бо ҷашну сураш якест.

Бирафт ӯву мо аз паси ӯ равем,
Ба доди ҷаҳонофарин бигравем».

1. ИЛ – гирифтан сар.
2. И – б. 4384 нест.

www.sattor.com

Ба дарвеш дод он чи будаш ниҳон,
Ҳаме гуфт бо Кирдигори ҷаҳон,

Ки «Эй бартар аз ному аз ҷойгоҳ
Равони Таҳамтан бишӯй аз гуноҳ.

Бад-он гетиаш ҷой деҳ дар биҳишт,
Бараш деҳ зи тухме ки эдар бикишт».

СУПУРДАНИ ГУШТОСП ШОҲӢ БА БАҲМАН ВА МУРДАН

Чу шуд рӯзгори Таҳамтан ба сар,
Ба пеш оварам достоне[1] дигар.

Чу Гуштоспро тира шуд рӯи бахт,
Биёвард Ҷомоспро пеши тахт.

Бад-ӯ гуфт, к-«Аз кори Исфандёр,
Чунон доғдил гаштам аз рӯзгор,

Ки рӯзе набуд зиндагоним х[в]аш,
Дижам гаштам аз ахтари кинакаш.

Пас аз ман кунун шоҳ Баҳман бувад,
Ҳамон роздораш Башутан бувад[2].

Мапечед сарҳо зи фармони ӯй,
Магиред дурӣ зи паймони ӯй.

Якояк буведаш намояндароҳ,
Ки ӯй аст зебои тахту кулоҳ».

Бад-ӯ дод пас ганҷҳоро калид,
Яке боди сард аз ҷигар баркашид.

Бад-ӯ гуфт: «Кори ман андар гузашт,
Ҳам аз торакам об бартар гузашт.

Нишастам ба шоҳӣ саду бист сол,
Надидам зи[3] гетӣ касеро ҳамол.

1. Л – достони.
2. И –б. 4396 нест.
3. Л – ба.

www.sattor.com

Ту акнун ҳаме кӯшу бо дод бош,
Чу дод оварӣ, аз ғам озод бош.

Хирадмандро шоду наздик дор,
Ҷаҳон бар бадандеш торик дор.

Ҳама ростӣ кун, ки аз ростӣ
Наёяд ба кор-андарун костӣ.

Супурдам туро тахту дайҳиму ганҷ,
Аз он пас, ки бурдам басе дарду ранҷ».

Бигуфт ину шуд рӯзгораш ба сар,
Замони гузашта наёяд ба бар.

Яке дахма карданд аз шизу[1] оҷ,
Биёвехтанд аз бари гоҳ тоҷ.

Ҳаме[2] будаш аз ганҷу аз[3] ранҷ баҳр,
Бидид[4] аз паси нӯшу[5] тарёк заҳр.

Агар будан ин аст, шодӣ чарост,
Шуд аз марг дарвеш бо шоҳ рост.

Бихӯр ҳарчи дориву бар бад макӯш,
Зи гетӣ ба марди хирад дор гӯш.

Гузар кард ҳамроҳу мо мондаем,
Зи кори гузашта басе хондаем.

Ба манзил расид он ки пӯянда буд,
Беҳӣ ёфт он кас, ки ҷӯянда буд.

Нагирад туро даст ҷуз некувӣ,
Ки аз марди[6] доно сухан бишнавӣ.

Кунун ранҷ дар кори Баҳман барам[7].*[8]
Гузашта сухан бар ту-бар бишмарам[9].

1. Л – кардаш зи сарву зи.
2. Л – Ҳамин.
3. Л – ганҷ в-аз.
4. Л – Надид.
5. Л – тор.
6. ИЛ – гар аз пири.
7. И – барем.
8. М – барем.
9. Л – б. 4414 нест, ИМ – хирад пеши доно Башутан барем.

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ БАҲМАНИ ИСФАНДЁР
НАВАДУ НӮҲ СОЛ БУД

КИН ХОСТАНИ БАҲМАН АЗ БАҲРИ ХУНИ ИСФАНДЁР

Чу Баҳман ба тахти ниё барнишаст,
Камар бар миён басту букшод даст.

Сипаҳро дирам доду динор дод,
Ҳамон кишвару марз бисёр дод[1].

Яке анҷуман сохт аз[2] бихрадон
Бузургону корозмуда сарон[3].

Чунин гуфт, к-«Аз марги Исфандёр,
Зи неку бади гардиши рӯзгор,

Ҳама ёд доред пиру ҷавон,
Ҳар он кас, ки ҳастед равшанравон[4].

Ки Рустам гаҳи зиндагонӣ чӣ кард,
Ҳамон Золи афсунгар, он пирмард.

Фаромарз ҷуз кини мо дар ҷаҳон
Наҷӯяд ҳаме ошкору ниҳон.

Сарам пур зи дард асту дил пур зи хун,
Ҷуз аз[5] кин надорам ба мағз-андарун.

Ду ҷанги чу Нӯшозару Меҳрнӯш,
Ба зорӣ бад-он сон супурданд ҳуш.

Чу Исфандёре, ки андар ҷаҳон,
Набошад чун ӯ ошкору ниҳон[6],

---

1. ТПЗ – Чу чандин баромад бар ин рӯзгор,
   Гироянда шуд сӯи кин шаҳрёр.
2. Л – бо.
3. Л – равон.
4. Л – доред равшан равон.
5. И – Ба ҷуз.
6. ЛМ – Бад-ӯ тоза буд рӯзгори меҳон.

www.sattor.com

Ба Зобулситон з-он нишон кушта шуд,
Зи дардаш даду дом саргашта шуд.

Ҳамоно, ки бар хуни Исфандёр
Ба зорӣ бигиряд бар айвон нигор.

Ҳам аз хуни он номдорони мо,
Ҷавонону ҷангӣ саворони мо.

Ҳар он кас, ки ӯ бошад аз оби пок,
Наёрад сари гавҳар андар мағок.

Ба кирдори шоҳ Офаридун равад,*[1]
Чу чунин бибошад*[2] ҳумоюн бувад.

Ки Заҳҳокро аз паи хуни Ҷам,
Зи ҷанговарони ҷаҳон кард кам.

Манучеҳр бо Туру Салми сутург,
Биёвард аз Омул сипоҳи бузург.

Ба Чин рафту кини ниё боз хост,
Зи кушта замин кард бо кӯҳ рост.

Чу Кайхусрав омад, зи Афросиёб,
Зи хун кард гетӣ чу дарёи об.

Падар-м омаду хуни[3] Лӯҳросп хост,
Маро ҳамчунон достон аст рост[4].

Фаромарз, к-аз баҳри хуни падар,
Ба хуршеди тобон баровард[5] сар,

Ба Кобул шуду кини Рустам бихост,
Ҳама буму бар кард бо хок рост.

Заминро зи хун боз нашнохтанд,
Ҳаме асп бар куштагон тохтанд.

---

1. М – бувад.
2. М – Ҷаҳонро сипеҳрӣ.
3. Л – кини.
4. И –б. 19,20 нест.
5. ИЛ – бароварда.

www.sattor.com

Ба кина сазовортар кас манам,
Ки бар пилу бар шер асп афканам.

Агар бишмарӣ дар ҷаҳон номдор,
Саворе набинӣ чу Исфандёр.

Чу бинед инро, чӣ посух диҳед,
Бикӯшед, то рои фаррух ниҳед».

Чу бишнид гуфтори Баҳман сипоҳ,
Ҳар он кас, ки буд шоҳро некхоҳ,

Ба овоз гуфтанд: «Мо бандаем,
Ҳама дил ба меҳри ту огандаем.

Зи кори гузашта ту донотарӣ,
Зи мардони ҷангӣ тавонотарӣ.

Ба гетӣ ҳамон*[1] кун, ки ком оядат
В-агар з-он сухан фарру ном оядат.

Напечад касе сар зи фармони ту,
Кӣ ёрад[2] гузаштан зи паймони ту?»

Чу посух чунин ёфт аз лашкараш,
Ба кин-андарун тезтар шуд сараш.

Раҳи Систонро биёростанд,
Бар ин барниҳоданду бархостанд.

Ба шабгир бархост овои кӯс,
Шуд аз гарди лашкар сипеҳр обнӯс.

Ҳаме рафт аз он[3] лашкари номдор,
Саворони шамшерзан сад ҳазор.

ДАР БАНД АНДОХТАНИ БАҲМАН ЗОЛРО

Чу омад ба наздикии Ҳирманд,
Фиристодае баргузид арҷманд.

1. М – чунон.
2. ИЛ – наёрад.
3. Л – рафт он.

www.sattor.com

Фиристод наздики Дастони Сом
Бидодаш зи ҳар гуна чанде паём.

Чунин гуфт, к-"аз кори[1] Исфандёр,
Маро дар ҷаҳон талх шуд рӯзгор.

Ҳам аз кини Нӯшозару Нӯшзод[2],
Ду шоҳи гиромӣ, ду фаррухнажод[3].

Зи дил кини дерина берун кунам,
Ҳама рӯди Зобул пур аз хун кунам[4]."

Фиристода омад ба Зол ин бигуфт
Дили Зол бо дарду ғам гашт ҷуфт.

Чунин дод посух, ки "Гар шаҳрёр,
Барандешад аз кори Исфандёр,

Бидонад, ки он буданӣ кор буд,
Маро з-он сухан дил пурозор буд.

Ту будӣ ба неку бад андар миён,
Зи ман суд дидӣ, надидӣ зиён.

Напечид Рустам зи фармони ӯй,
Дилаш баста дидӣ ба паймони ӯй.

Падар-т он гаронмоя шоҳи бузург,
Замонаш биёмад*[5] чунон шуд сутург.

Ба беша - дарун шеру нараждаҳо,
Зи чанги замона наёбад раҳо.

Ҳамоно шунидӣ ки Соми савор
Ба мардӣ чӣ кард андар он рӯзгор.

Чунин то ба ҳангоми Рустам расид
Зи Дастон шунав, то чӣ диду шунид[6].

---

1. Л – Меҳрнӯш.
2. И – хуни.
3. Л – фаррух суруш.
4. И – б. 40 нест.
5. М – баромад.
6. ИМ – Ки шамшери тез аз миён баркашид.

www.sattor.com

Ба пеши ниёкон-т андар чӣ кард,
Зи мардӣ ба ҳангоми нангу набард.

Ҳамон кеҳтари доягони ту буд,
Ба лашкар зи пурмоягони ту буд.

Ба зорӣ кунун Рустам андар гузашт,
Ҳама Зобулистон пурошӯб гашт.

Агар дарнавардӣ ту пайкори мо,
Ба хубӣ биёндешӣ аз кори мо,

Биёӣ, зи дил кина берун кунӣ,
Ба меҳр-андар ин кишвар афсун кунӣ.

Ҳама ганҷу дебову динори Сом
Камарҳои заррину зарринситом,

Чу ой, ба пеши ту орам ҳама,
Ту шоҳиву гарданкашон чун рама.

Фиристодаро аспу динор дод,
Зи ҳар гунае чиз бисёр дод.

Чу он номвар[1] пеши Баҳман расид,
Зи Дастон бигуфт он чи диду шунид.

Чу бишнид аз ӯ Баҳмани некбахт,
Напазруфт пӯзиш, барошуфт сахт.

Ба шаҳр андаромад дили пур зи дард
Сари пур зи кин, лаб пур аз боди сард[2].

Пазира шудаш Золи Соми савор,
Биёмад чунон хор бо ду савор[3].

Чу омад ба наздики Баҳман фароз,
Пиёда шуду бурд пешаш намоз.

1. ИЛ – моявар.
2. И –б. 60 нест.
3. Л – Ҳама Систон он ки буд номдор.

www.sattor.com

Чунин гуфт, к-«Эй шоҳи боҳушу рой,
Ба мо-бар ту чашми хирад баркушой[1].

Бад-он бандагиҳо, ки мо кардаем,
Туро дар ҷавонӣ бипарвардаем,

Бубахшою кори гузашта магӯй,
Ҳунар ҷӯю аз куштагон кин маҷӯй».

Барошуфт Баҳман зи гуфтори ӯй,
Чунон кунд шуд тезбозори ӯй.

Ҳам андар замон пой кардаш ба банд,
Зи ганҷуру дастур нашнид панд.

Зи айвони Дастони Соми савор,
Шутурворҳо барниҳоданд бор.

Зи динор в-аз гавҳари нобисуд,
Зи тахту зи густурданӣ ҳарчи буд.

Зи зарринаву тоҷҳои ба зар,
Зи симинаву гӯшвору камар.

Зи аспони тозӣ ба зарринситом,
Зи шамшери ҳиндӣ ба зарринниём,

Ҳамон бардаву*[2] бадраҳои дирам,
Зи мушку зи кофуру аз бешу кам.

Ки Рустам фароз оварид он ба ранҷ,
Зи шоҳону гарданкашон ёфт ганҷ,

Ҳама Зобулистон ба тороҷ дод,
Меҳонро ҳама бадраву тоҷ дод.

1. И – б. 60-63 нест.
Бад-ӯ гуфт: «Ҳангоми бахшоиш аст.
Зи дил дарду кин рӯзи полоиш аст».
2. М – ҷомаву.

www.sattor.com

РАЗМИ ФАРОМАРЗ БО БАҲМАН ВА КУШТА ШУДАНИ ФАРОМАРЗ

Ғамӣ шуд Фаромарз дар марзи Буст,
Зи баҳри*[1] ниё дасти кинро бишуст.

Сипаҳ карду сар сӯи Баҳман ниҳод.
Зи разми Таҳамтан басе[2] кард ёд.

Чу наздики Баҳман расид огаҳӣ,
Барошуфт бар тахти шоҳаншаҳӣ.[3]

Буна барниҳоду сипаҳ барнишонд,
Ба Гӯроба омад*[4] ду ҳафта бимонд[5].

Зи овози шайпуру ҳиндидарой,
Ҳаме кӯҳро дил баромад зи ҷой.

Бишуст осмон рӯи гетӣ ба қир,
Буборид чун жола аз қир тир.

Зи чоки табарзин, ҷаранги камон,
Замин гашт ҷунбонтар аз осмон.

Се рӯзу се шаб ҳам дар он размгоҳ,
Ба тобанда[6] рӯзу шабони сиёҳ[7],

Ҳаме гурз бориду пӯлодтеғ,
Зи гарди сипоҳ осмон баст меғ.

Ба рӯзи чаҳорум яке бод хост,
Ту гуфтӣ, ки бо рӯз шаб гашт рост.

Ба сӯи Фаромарз баргашт бод,
Ҷаҳондор гашт аз дами бод шод.

---

1. М – дарди.
2. И – ҳаме.
3. Л – Ғӯр андаромад.
4. М – Ба рӯзу ба шаб ӯ.
5. ТПЗИЛ – Фаромарз пеш омадаш бо сипоҳ,
Ҷаҳон шуд зи гарди саворон сиёҳ.
В-аз он рӯй Баҳман сафе баркашид,
Ки хуршеди тобон заминро надид.
6. ИЛМ – рахшанда.
7. ИЛМ – ба тобанда моҳ.

www.sattor.com

Ҳаме шуд паси гард бо теғи тез
Баровард аз он анҷуман растахез.

Зи Бустиву аз лашкари зобулӣ,
Зи гурдони шамшерзан кобулӣ,

Бар овардгаҳ-бар саворе намонд
В-аз он саркашон номдоре намонд.

Ҳама сар ба сар пушт бардоштанд,
Фаромарзро хор бугзоштанд.

Ҳама размгаҳ кушта чун кӯҳ-кӯҳ,
Ба ҳам барфиканда зи ҳар ду гурӯҳ.

Фаромарз бо андаке размҷӯй,
Ба мардӣ ба рӯй андаровард рӯй[1].

Ҳама тан-ш пур захми шамшер буд,
Ки фарзанди шерон буду шер буд[2].

Саранҷом бар дасти гурд Ардашер,
Гирифтор шуд номдори далер.

---

1. Л – пас аз б. 91 ин б. омада:
Бикӯшид то дар танаш буд зӯр,
Чу шерони ҷангӣ бароварда шӯр.
2. ТПЗМ – Бидонист, к-он рӯз рӯзи балост,
Замона расидасту доми қазост.
Бигуфто: "Шудам дар дами аждаҳо
Аз ин ҷойгаҳ ман наёбам раҳо
Бад-ин ҷой аз гурзу шамшери тез
Бимонад зи ман ном то растахез".
Яке ҳамла овард бар қалбгоҳ,
Чунин, то биёмад ба наздики шоҳ
Зи гурдон бияфканд чанде сарон,
Ҳама номдорону кундоварон,
Чу диданд, гурдон барошуфтанд
Ба як бор лашкар бар ӯ кӯфтанд,
Саворон гирифтандаш андар миён
Ғамӣ гашт аз захм шери жиён
Зи пайконҳо суст шуд борагӣ,
Ба рӯй андаромад зи бечорагӣ.
Ба гурзи гарон-бар замон даст бурд.
Намудаш ба гарданкашон дастбурд
Зи бас хун, к-аз ӯ рафт, бетӯш гашт,
Биистод бар ҷою хомӯш гашт.

www.sattor.com

Бари Баҳман овардаш аз размгоҳ,
Бад-ӯ кард киндор чанде нигоҳ.

Чу дидаш, нadодаш ба ҷон зинҳор,
Бифармуд доре задан шаҳрёр.

Фаромарзро зинда бар дор кард,
Тани пилвораш нагунсор кард.

В-аз он пас кайи номдор Ардашер,
Зи кина бикушташ ба борони тир.

РАҲО КАРДАНИ БАҲМАН ЗОЛРО ВА БОЗГАШТАН БА АЙВОН

Гиромӣ Башутан, ки дастур буд,
Зи куштан дилаш сахт ранҷур буд.

Ба пеши ҷаҳондор бар пой хост,
Бад-ӯ[1] гуфт, к-«Эй хусрави додрост[2],

Агар кина будат ба дил хостӣ,
Падид омад аз хостан костӣ.

Кунун ғорату куштану ҷангу ҷӯш,
Мафармову мапсанду чандин макӯш,

Зи Яздон битарсу зи мо шарм дор,
Нигаҳ кун бад-ин гардиши рӯзгор.

Якеро барорад ба абри баланд,
Дигар[3] з-ӯ шавад хору зору нажанд.

Падар-т он ҷаҳонгири лашкарфурӯз
На тобутро шуд сӯи Нимрӯз.

На Рустам ба Кобул, ба нахчиргоҳ
Бад-он шуд, ки то нест гардад ба чоҳ.

1. Л – Чунин.
2. И – б. 99 нест.
3. ЛМ – Яке.

www.sattor.com

Ту то бошӣ, эй хусрави покзод,
Маранҷон касеро, ки дорад нажод.

Чу фарзанди Соми Наримон зи банд,
Бинолад ба Парвардигори баланд,

Бупечӣ ту з-он гарчи некахтарӣ,
Чу бо Кирдигор афканад доварӣ.

Чу Рустам нигаҳбони[1] тахти каён
Ҳама[2] бар дари ранҷ бастӣ миён.

Ту ин тоҷ аз ӯ ёфтӣ ёдгор,
На аз шоҳ Гуштаспу Исфандёр.

Бузургӣ зи[3] шамшери ӯ доштанд,
Меҳонро*[4] ҳама зери ӯ доштанд.

Аз ӯ банд бардор, агар бихрадӣ,
Дилат бозгардон зи роҳи бадӣ».

Чу бишнид шоҳ аз Башутан сухан,
Пушаймон шуд аз кардаҳои куҳан.

Хурӯше баромад зи пардасарой,
Ки «Эй паҳлавонони бододу рой,

Басечидани бозгаштан кунед,
Мабодо, ки тороҷу куштан кунед».

Бифармуд то пои Дастон зи банд,
Кушоданду доданд бисёр панд.

Тани куштаро дахма карданду ҷой
Ба гуфтори дастури покизарой.

Зи зиндон ба айвон гузар кард Зол,
Бар ӯ зор бигрист фаррух ҳамол.

---

1. Л – нигаҳдори.
2. Л – Ҳаме.
3. ЛМ – ба.
4. М – Ҷаҳонро.

www.sattor.com

Ки зоро, далеро, гаво, Рустамо,
Набера гави номвар Найрамо.

Ту то зинда будӣ, кӣ огоҳ буд,
Ки Гуштосп андар ҷаҳон шоҳ буд.

Кунун ганҷ тороҷу Дастон асир,
Писар зор кушта ба борони тир.

Мабинод чашми кас ин рӯзор,
Замин бод бе тухми Исфандёр!

Аз он огаҳӣ сӯи Баҳман расид,
Ба наздики[1] фаррух Башутан расид.

Башутан зи Рудоба пурдард шуд
В-аз он шевани ӯ рухаш зард шуд.

Ба Баҳман чунин гуфт, к-«Эй шоҳи нав
Чу бар нимаи осмон моҳи нав,

Ба шабгир аз ин марз[2] лашкар бирон,
Ки ин кор душвор гашту гарон.

Зи тоҷи ту чашми бадон дур бод,
Ҳама рӯзгорони ту сур бод!

Бад-ин хонаи Золи Соми далер
Сазад гар намонад шаҳаншоҳ дер.

Чу шуд кӯҳ бар гунаи сандарус,
Зи даргоҳ бархост овои кӯс[3].

Сипаҳро сӯи шаҳри Эрон кашид,
Зи Зобул ба назди далерон кашид.

---

1. Л – Зи Баҳман ба
2. И – шаҳр.
3. Л – пас аз б. 130 ин б. омада:

Бифармуд пас Баҳмани кинахоҳ,
К-аз он ҷо биронанд яксар сипоҳ,
Ҳамон гаҳ баромад зи пардасарой
Табира або бӯи (ю) ҳиндидарой.
Аз он ҷо ба Эрон ниҳоданд рӯй,
Ба гуфтори дастури озодахӯй.

www.sattor.com

Баросуду бар тахт биншаст шод,
Ҷаҳонро ҳаме дошт бо расму дод.

Ба дарвеш бахшид чанде дирам,
Аз ӯ шод чандеву чанде дижам.

БА ЗАНӢ ГИРИФТАНИ БАҲМАН ҲУМОЙ ДУХТАРИ ХЕШРО ВА ВАЛИАҲД КАРДАНАШ

Писар буд ӯро яке шергир,
Ки Сосон-ш хондӣ варо Ардашер.

Яке духтараш буд номаш Ҳумой,
Ҳунарманду бодонишу покрой.

Ҳаме хонданӣ варо Чеҳрзод,
Зи гетӣ ба дидори ӯ буд шод.

Падар дарпазируфташ аз некувӣ,
Бад-он дин, ки хонӣ варо паҳлавӣ.

Ҳумои дилафрӯзи тобандамоҳ,
Чунон буд, ки обистан омад зи шоҳ.

Чу шаш моҳ шуд пур зи тимор шуд,
Чу Баҳман чунон дид, бемор шуд.

Чу аз дард шоҳ андаромад зи пой,
Бифармуд, то пеши ӯ шуд Ҳумой.

Бузургону некахтаронро бихонд,
Ба тахти гаронмоягон барнишонд.

Чунин гуфт, к-«Ин поктан Чеҳрзод,
Зи[1] гетӣ фаровон набудаст шод.

Супурдам бад-ӯ тоҷу тахти баланд,
Ҳамон лашкару ганҷу бахти баланд.

Валиаҳди ман ӯ бувад дар ҷаҳон,
Ҳамон кас, ки з-ӯ зояд андар ниҳон.

1. Л –ба.

www.sattor.com

Агар духтаре зоядаш ё писар,
Варо бошад ин тоҷу тахту камар.

Чу Сосон шунид ин сухан, хира шуд,
Зи гуфтори Баҳман дилаш тира шуд.

Ба се[1] рӯзу ду шаб ба сони паланг
Аз Эрон ба марзи дигар шуд зи нанг.

Дамон сӯи*[2] шаҳри Нишопур шуд,
Пур аз дард буд, аз падар дур шуд.

Занеро зи тухми бузургон бихост,
Ҳаме хештан дошт бо хок[3] рост.

Ҳаме дошт тухми каӣ[4] дар нуҳуфт,
Зи гавҳар[5] ба гетӣ касеро нагуфт.

Зани поктан пок[6] фарзанд зод
Яке некпай пури фаррухнажод[7].

Падар ном Сосон-ш кард он замон
Мар ӯро ба зудӣ сар омад замон.

Чу кӯдак зи хурдӣ ба мардӣ расид,
Дар он хона ҷуз бенавоӣ надид.

Зи шоҳи Нишопур бистад гала
Ки будӣ ба кӯҳу ба ҳомун[8] яла.

Ҳаме буд якчанд чӯпони шоҳ,
Ба кӯҳу биёбонаш оромгоҳ.

Кунун бозгардам ба кори Ҳумой
Пас аз марги Баҳман, ки бигрифт ҷой.

1. Л – Ду.
2. М – то ба.
3. ЛМ – Бипарварду бо ҷон ҳамедошт.
4. Л – он ростӣ.
5. ЛМ – нажодаш.
6. ИЛМ – хуб.
7. ИЛ – Чу Сосони пурмоя Баҳманнажод. И – ЗИ пурмоя Сосони Баҳманнажод.
8. Л – саҳро.

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ ҲУМОЙ
СИВУ ДУ СОЛ БУД

ГУЗОШТАНИ ҲУМОЙ ПИСАРИ ХУД ДОРОБРО БА ДАРЁИ ФУРОТ ДАР САНДУҚ

Ба беморӣ - андар бимурд Ардашер,
Ҳаме буд бекор тоҷу сарир[1].*[2]

Ҳумой омаду тоҷ бар сар ниҳод,
Яке рою оини дигар ниҳод.

Сипаҳро ҳама сар ба сар бор дод,
Дари ганҷ букшоду динор дод.

Ба рою ба дод аз падар даргузашт,
Ҳама гетӣ аз додаш обод гашт[3].

Ҳаме гуфт, «к[4]-«Ин тоҷ фархунда бод,
Дили бадсиголони мо канда бод.

Ҳама некуӣ бод кирдори мо,
Мабинод кас ранҷу тимори мо.

Тавонгар кунем он ки дарвеш буд,
Ниёзаш ба ранҷи тани хеш буд.

Меҳони ҷаҳонро, ки доранд ганҷ
Нахоҳам, ки бошанд аз мо ба ранҷ».

Чу ҳангомаи зодан омад фароз,
Зи шаҳру зи лашкар ҳаме дошт роз.

Ҳаме тахти шоҳӣ писанд омадаш,
Ҷаҳон доштан судманд омадаш.

---

1. ТПЗЛМ – Пур аз хун шуду сӯги Баҳман бидошт,
Басе рӯзгорон ба бад даргузошт.
2. М – Зи тимори ӯ духтари дилпазир.
3. ТПЗЛ – Нахустин, ки дайҳим бар сар ниҳод
Ҷаҳонро ба доду диҳиш мужда дод.
4. – Чунин гуфт.

www.sattor.com

Ниҳонӣ писар зоду бо кас нагуфт,
Ҳаме дошт он некуӣ дар нуҳуфт.

Биёвард озодтан*[1] дояе
Яке поку пуршарму пурмояе[2].

Ниҳонӣ бад-ӯ дод фарзандро,
Чунон шод шоҳи[3]*[4] барӯмандро.

Касе, к-ӯ зи фарзанди ӯ ном бурд,
Чунин гуфт, к-он покзода бимурд.

Ҳамон тоҷи шоҳӣ ба сар барниҳод,
Ҳаме буд бар тахт пирӯзу шод.

Зи душман ба ҳар сӯ, ки буд меҳтаре,
Фиристод бар ҳар сӯе лашкаре.

Зи чизе, ки рафтӣ ба гирди ҷаҳон,
Баду нек бар вай набудӣ[5] ниҳон.

Ба гетӣ[6] ҷуз аз доду хубӣ нахост,
Ҷаҳонро саросар ҳаме дошт рост.

Ҷаҳоне шуда эмин аз доди ӯй,
Ба гетӣ*[7] набудӣ ҷуз аз ёди ӯй.

Бад-ин сон ҳаме буд то ҳашт моҳ,
Писар гашт монандаи рафташоҳ.

Бифармуд, то дургари покмағз,
Яке тахта ҷуст аз дари кори нағз.

Яке чӯбсандуқ аз он[8] чӯби хушк
Бикарду гирифтанд дар[9] қиру мушк.

1. М – аз озодагон.
2. И –б. 11, 12 нест.
3. Л – шоҳшоҳи.
4. М – сабз шохи.
5. Л – Набудӣ баду нек аз ӯ дар.
6. И – мардум.
7. М – кишвар.
8. ИЛ – хуб сандуқ аз.
9. ИЛ – Бикарданду барзад бар ӯ.

www.sattor.com

Дарун нарм карда ба дебои Рум,
Баролуда беруни ӯ дибқу мум.

Ба зер-андарун бистари хоб кард,
Миёнаш пур аз дурри хушоб кард.

Басе зарри сурх андар ӯ рехтанд,
Ақиқу забарҷад баромехтанд.

Бубастанд як гавҳари шоҳвор
Ба бозуи он кӯдаки ширхор.

Бад-он гаҳ, ки шуд кӯдак аз хоб маст,
Хурӯшон бишуд дояи чарбдаст.

Ниҳодаш ба сандуқ-дар нарм-нарм,
Ба чинипарандаш бипӯшид гарм.

Сари тангтобут карданд хушк,
Ба дибқу ба қиру ба муму ба мушк.

Бибурданд сандуқро нимашаб,
Яке бар дигар низ накшод лаб.

Зи пеши Ҳумояш бурун тохтанд,
Ба оби Фурот андар андохтанд.

Пас андар ҳаме рафт пӯён ду мард.
Ки то об бо ширхора чӣ кард.

Чу киштӣ ҳаме рафт чӯб андар об,
Нигаҳбони онро гирифта шитоб.

Сапеда чу барзад сар аз кӯҳсор
Биистод[1] сандуқ дар ҷӯйбор.

Ба гозургаҳе, к-андар ӯ буд санг,
Сари ҷӯйро коргар карда танг.

Яке гозур он хурдсандуқ[2] дид,
Бипӯид в-аз коргаҳ баркашид.

1. Л – Бидиданд.
2. Л – хубсандуқ, И – чӯбсандуқ.

www.sattor.com

Чу букшод, густардаро баргирифт,
Бимонд андар он кор гозур шигифт.

Ба ҷома бипӯшиду омад давон,
Пуруммед дил, шоду[1] равшанравон.

Сабук дидбон пеши модар давид,
Зи сандуқу гозур бигуфт он чи дид.

Ҷаҳондори бедор бо дида гуфт,
Кӣ «Чизе ки дидӣ, бибояд нуҳуфт».

ПАРВАРДАНИ ГОЗУР ДОРОБРО

Чу бегоҳ гозур биёмад зи рӯд,
Бад-ӯ гуфт ҷуфташ, ки «Ҳаст ин дуруд,

Ки боз омадӣ ҷомаҳо нимнам,
Бад-ин коркард аз кӣ ёбӣ дирам?»

Дили гозур аз дард пажмурда буд,
Яке кӯдаки зиракаш мурда буд.

Зани гозур аз дарди кӯдак навон,
Халида рухон, тира гашта равон.

Бад-ӯ гуфт гозур, ки «Боз ор ҳуш,
К-аз ин пас туро зишт бошад хурӯш.

Кунун гар бимонад сухан дар нуҳуфт,
Бигӯям ба пеши сарафроз[2] ҷуфт.

Ба санге, ки ман ҷомаро барзанам,
Чу покиза гардад ба об афканам,

Бад-он ҷой сандуқ дидам яке
Нуҳуфта бад-ӯ андарун кӯдаке.

Кунун чун кушоям сари баста боз,
Ба дидори он хурдат ояд ниёз.

1. Л – пуруммеду шодону.
2. Л – ту, эй нек.

www.sattor.com

Агар буд моро яке пури хурд,
Набудаш басе зиндагонӣ, бимурд.

Кунун ёфтӣ пури нохоста,
Зи динор в-аз гавҳар[1] ороста».

Чу он ҷомаҳо бар замин барниҳод,
Сари тангсандуқро баркушод.

Зани гозур он дид, хира бимонд,
Бар ӯ-бар ҷаҳонофаринро бихонд.

Рухе дид тобон миёни ҳарир,
Ба дидор монандаи Ардашер.

Пур аз дурри хуш-об болини ӯй,
Ақиқу забарҷад ба поини ӯй.

Ба дасти чапаш сурх динор буд,
Сӯи рост ёқут бисёр буд.

Бад-ӯ дод зан зуд пистони шир,
Бибуд шод аз он кӯдаки дилпазир.

Зи хубии он кӯдаку хоста.
Дили ӯ зи ғам гашта пероста.

Бад-ӯ гуфт гозур, к-«Инро ба ҷон,
Харидор бошем то ҷовидон.

Ки ин кӯдак аз[2] номдоре бувад,
В-агар*[3] дар[4] ҷаҳон шаҳрёре бувад»[5].

Зани гозур ӯро чу пайванди хеш
Бипарвард чун пок[6] фарзанди хеш.

Савум рӯз Дороб карданд ном,
К-аз оби равон ёфтандаш куном.

1. И – Ба дебову динор.
2. И – кӯдаки.
3. М – Ки ӯ.
4. И – ки андар.
5. Л – б. 59, 60 нест.
6. Л – чунон ки.

www.sattor.com

Чунон буд, ки рӯзе зани покрой
Сухан гуфт ҳар гуна бо кадхудой.

Ки «Ин гавҳаронро чӣ созӣ кунун,
Кӣ бошад бар ин донишат раҳнамун?»[1]

Ба зан гуфт гозур, ки «Эй некҷуфт,
Чӣ хоку чӣ гавҳар маро дар нуҳуфт.

Ҳамон беҳ, к-аз ин шаҳр берун шавем,
Зи тангиву сахтӣ ба ҳомун шавем.

Ба шаҳре, ки моро надонанд кас,
Бибошему дилшод бо дастрас».

Ба шабгир гозур буна барниҳод,
Бирафту накард аз бару бум ёд.

Бибурданд Доробро бар канор,
Накарданд ҷуз зарру гавҳар ба бор.

Бипаймуд аз он марз фарсанг шаст,
Ба шаҳри дигар сохт[2] ҷои нишаст.

Ба бегона шаҳр-андарун сохт ҷой,
Ба он сон, ки пурмоятар кадхудой.

Ба шаҳре, ки буд номвар меҳтаре,
Фиристод наздики ӯ гавҳаре.

Аз ӯ бистадӣ ҷомаву симу зар
Чунон то фаровон намондаш гуҳар.

Ба хона ҷуз аз сурхёқут низ
Намонд аз баду неки сандуқ чиз.

Зани гозур аз чиз шуд раҳнамой
Чунин гуфт як рӯз бо кадхудой,

Ки «Мо бениёзем аз ин коркард,
Тавонгар шудӣ, гирди пеша магард».

1. И – б. 63, 64 нест.
2. Л – кард.

www.sattor.com

Чунин дод посух бад-ӯ кадхудой,
Ки «Эй ҷуфти покизаву раҳнамой,

Ҳамин[1] пеша хонӣ, зи пеша чӣ пеш,
Ҳамеша зи ҳар кор пеш аст пеш.

Ту Доробро хубу некӯ бидор,
Бубин, то чӣ зояд-т аз ӯ рӯзгор».

Ҳаме доштандаш чунон арҷманд,
Ки аз тундбоде надидӣ газанд.

Чу бугзашт чарх аз бараш чанд сол,
Яке кӯдаке гашт бофарру ёл.

Ба гуштӣ шудӣ бо ҳамолон ба кӯй,
Касеро набудӣ тану зӯри ӯй.

Ҳама кӯдакон ҳамгурӯҳ омаданд,
Ба якборагӣ з-ӯ сутӯҳ омаданд.

Ба фарёд шуд гозур аз кори ӯй,
Ҳаме тира шуд рӯзи бозори ӯй.

Бад-ӯ гуфт, к-«Ин ҷома барзан ба санг,
Ки аз пеша ҷустан туро нест нанг».

Чу Дороб аз он пеша бугрехтӣ,
Ҳаме гозур аз дида хун рехтӣ.

Шудӣ рӯзгораш ба ҷустан ду баҳр,
Нишон хостӣ з-ӯ ба дашту ба шаҳр.

Ба ҷоеш дидӣ камоне ба даст,[2]
Ба оин кушода бару баста шаст.

Камон бистадӣ, сард гуфтӣ бад-ӯй,*[3]
Ки «Эй пуржаён гурги пархошҷӯй,

Чӣ гардӣ ҳаме гирди тиру камон,
Ба хурдӣ чаро гаштаӣ бадгумон?»

---

1. ИЛ – Ҳаме.
2. И – б. 83, 84 нест.
3. М – кӯдаки ҷангҷӯ.

www.sattor.com

Ба гозур чунин гуфт, к-«Эй боби ман,
Ҳаме тира гардонӣ ин оби ман.

Ба фарҳангиён деҳ маро аз нахуст,
Чу омӯхтам Занду Усто дуруст,

Аз он пас маро пеша фармову ҷӯй,
Кунун аз ман ин кадхудои маҷӯй.

Бад-ӯ марди гозур басе баршумурд
В-аз он пас ба фарҳангиёнаш супурд.

Биёмӯхт фарҳангу шуд пурманиш,
Баромад зи пайғораву сарзаниш.

Бад-он парваронида гуфт: «Эй падар,
Наёяд зи ман гозури коргар.

Зи ман ҷои меҳрат беандеша кун,
Зи гетӣ саворӣ маро пеша кун»[1].

Нигаҳ кард гозур саворе тамом,
Инонпечу аспафкану некном.

Супурдаш бад-ӯ рӯзгори дароз,
Биёмӯхт ҳар ч-аш бад-ӯ буд ниёз.

Инону синону сипар доштан,
Ба овардгаҳ бора баргоштан.

Ҳамон захми чавгону тиру камон,
Замин танг дуздидан*[2] аз бадгумон.

Бад-он гуна шуд з-он ҳунарҳо, ки ҷанг
Насудӣ ба овард бо ӯ паланг.

ПУРСИДАНИ ДОРОБ НАЖОДИ ХУДРО АЗ ЗАНИ ГОЗУР ВА ҶАНГ ОВАРДАН БА РУМИЁН

Ба гозур чунин гуфт рӯзе, ки «Ман
Ҳаме ин ниҳон дорам аз анҷуман.

1. И – б. 94 – 97 нест.
2. М – ҳунар ҷустану.

www.sattor.com

Наҷунбад ҳаме бар ту-бар меҳри ман,
Намонад ба чеҳри ту-бар чеҳри ман.

Шигифт оядам чун писар хониям,
Ба дӯкон бари хеш биншониям».

Бад-ӯ гуфт гозур, ки «Инат сухан,
Дареғ он шуда ранҷҳои куҳан[1].

Туро гар маниш, з-они ман бартар аст,
Падар ҷӯю рози ту бо модар аст».

Чунон буд, ки як рӯз гозур бирафт,
Зи хона сӯи рӯд тозид тафт.

Дари хонаро танг Дороб баст,
Биёмад, ба шамшер ёзид даст.

Ба зан гуфт: «Кажживу торӣ маҷӯй,
Ҳар он ч-ат бипурсам, ҳама рост гӯй».

Шуморо кӣ бошам, ба гавҳар киам,
Ба наздики[2] гозур зи баҳри чиам?»

Зани гозур аз бим зинҳор хост,
Худованди дорандаро[3] ёр хост.

Бад-ӯ гуфт: «Хуни сари ман маҷӯй,
Бигӯям туро ҳар чи гуфтӣ бигӯй».

Суханҳо якояк бар ӯ баршумурд.
Напӯшид з-ӯ кору кажжӣ набурд.

Зи сандуқ в-аз кӯдаки ширхор,
Зи динор в-аз гавҳари шоҳвор.

Бад-ӯ гуфт: "Мо дастакорон будем,
На аз тухмаи номдорон будем.

Аз они ту дорем чизе ки ҳаст,
Забардаст гашт аз ту ин зердаст.

1. И – б. 106 нест.
2. Л – ба дӯкони.
3. Л – донандаро.

www.sattor.com

Парастанда моему фармон туррост,
Нигар, то чӣ хоҳӣ, тану ҷон туррост".

Чу бишнид Дороб, хира бимонд,
Равонро ба андеша андар нишонд.

Бад-ӯ гуфт: «Аз он хоста ҳеҷ монд
В-агар гозур онро ҳама барфишонд?

Кӣ бошад баҳои яке борагӣ,
Бад-ин рӯзи кундиву бечорагӣ?»

Бад-ӯ гуфт зан: «Ҳасту ҳам беш аз ин
Дирам, ҳам барӯманд[1] боғу замин.

Бад-ӯ дод динор чандон, ки буд,
Намуд он гарон гавҳари нобисуд.

Ба динор аспе харид арҷманд,
Яке камбаҳо зину гурзу каманд.

Яке марзбон буд бо сангу рой,
Бузургу писандидаву раҳнамой.

Хиромид Дороб наздики ӯй,
Пурандеша буд[2] ҷони торики ӯй.

Ҳаме дошташ марзбон арҷманд,
Зи гетӣ наёмад бар ӯ - бар газанд.

Чунон буд, ки омад сипоҳе зи Рум,
Ба кина[3] бад-ин марзи озодбум.

Ба разм-андарун марзбон кушта шуд,
Сари лашкараш з-он сухан гашта шуд.

Чу огоҳӣ омад ба назди Ҳумой,
Ки румӣ ниҳод андар ин марз пой,

Яке мард буд номи ӯ Рашнавод,
Сипаҳбад буду ҳам сипаҳбаднажод.

---

1. Л – дарахти баруманду.
2. Л – шуд.
3. ИЛМ – ғорат.

www.sattor.com

Бифармуд, то баркашад рӯи[1] Рум,
Ба шамшер вайрон кунад марзу бум[2].

Сипаҳ гирд кард андар он[3] Рашнавод,
Аразгоҳ бинҳоду рӯзӣ бидод.

Сипаҳ чун фаровон шуд аз ҳар даре,
Ҳаме омад аз ҳар сӯи лашкаре.

Биёмад зи кохи ҳумоюн Ҳумой,
Худу марздорони[4] покизарой.

Бад-он то сипаҳ пеши ӯ бугзарад,
Тану номи девонҳо бишмарад.

Ҳаме буд чандон бад-он[5] паҳндашт,
Ки[6] лашкар фаровон бар-ӯ баргузашт.

Чу Доробро дид бо фарру бурз,
Ба гардан бароварда пӯлодгурз[7],

Ту гуфтӣ ҳама дашт паҳнои ӯст,
Замин зери пӯянда болои ӯст[8].

Чу дид он бару чеҳраи дилпазир,
Зи пистони модар биполид шир.

Бипурсиду гуфт: «Ин савор аз куҷост,
Бад-ин шоху ин бурзу болои рост?

Намояд, ки он[9] номдоре бувад,
Хирадманду ҷангисаворе бувад.*[10]

1. Л – сӯи.
2. И – б. 131, 132 нест.
3. Л – он замон.
4. ИЛ – марзбонони.
5. И – чанде бар он.
6. И – чу.
7. Л –б. 138, 139 нест.
8. И – б. 139, 140 нест.
9. Л – Ҳамоно, ки ин.
10. М – б. 143 нест.

www.sattor.com

Далеру сарафрозу кундовар аст,
Валекин силеҳаш на андарх[в]ар аст».

Чу Доробро фарҳаманд омадаш,
Сипаҳро саросар писанд омадаш.

Аз ахтар яке рӯзгоре гузид,
Зи баҳри сипаҳбад чунон чун сазид.

Чу ҷанговаронро яке гашт рой,
Бибурданд лашкар зи пеши Ҳумой.

Фиристод бедор корогаҳон
Бад-он, то намонад сухан дар ниҳон.

Зи неку бади лашкар огаҳ бувад[1],
Зи бадҳо гумонеш кӯтаҳ бувад[2].

Ҳаме рафт манзил ба манзил сипоҳ,
Зи гарди сипаҳ осмон шуд сиёҳ.

ОГОҲ ШУДАНИ РАШНАВОД АЗ КОРИ ДОРОБ

Чунон буд, ки рӯзе яке тезбод[3],
Баромад, ғамӣ гашт аз ӯ Рашнавод.

Яке раъду борони бобарқу ҷӯш,
Замин пур зи об, осмон пурхурӯш.

Ба ҳар сӯ зи борон ҳаме тохтанд,
Ба дашт-андарун хаймаҳо сохтанд.

Ғамӣ[4] гашт аз он кор Дороб низ,
Зи борон ҳаме ҷуст роҳи гурез[5].

Нигаҳ кард, вайрон яке ҷой дид,
Миёнаш яке тоқ бар пой дид.

1. Л – шавад.
2. Л – шавад.
3. Л – тундбонд.
4. И – Ғамин.
5. ТПЗИЛ – На хиргоҳ будаш, на пардасарой
На хайма, на анбоз, на раҳнамой.

www.sattor.com

Баланду куҳан буду озурда буд,
Ҳамон боду борон варо хӯрда[1] буд.

Бад-он тоқи озурда боист хуфт,
Ки танҳо тане буд бе ёру ҷуфт.

Сипаҳбад ҳаме гирди лашкар бигашт,
Аз он тоқи озурда андар гузашт.

Зи вайрон хурӯше ба гӯш омадаш,
К-аз он саҳм аз ҷон хурӯш[2] омадаш.

Ки «Эй тоқи озурда ҳушёр бош,
Бар ин шоҳи Эрон нигаҳдор бош.

Набудаш яке хаймаву ёру ҷуфт,
Биёмад, ба зери ту андар биҳуфт».

Чунин гуфт бо хештан Рашнавод,
Ки "Ин боди раъд аст, агар тундбод?!"

Дигарбора омад зи вайрон хурӯш,
Ки «Эй тоқ чашми хирадро мапӯш,

Ки дар туст фарзанди шоҳ Ардашер,
Зи тобон матарс, ин сухан ёд гир».

Се бор ин ҳам овозаш омад ба гӯш,
Шигифтӣ дилаш танг шуд з-он хурӯш.

Ба фарзона гуфт: «Ин чӣ шояд будан,
Якеро сӯи тоқ бояд шудан[3].

Бубинед, то андар он хуфта кист,
Чунин бар тани хеш ошуфта[4] кист?»

Бирафтанду диданд марди ҷавон,
Хирадманд бо чеҳраи паҳлавон.

1. Л – Яке хусравӣ ҷои пажмурда.
2. И – захра ба ҷӯш.
3. И – будан.
4. ИЛ – худ барошуфта.

www.sattor.com

Ҳама ҷомаву асп тарру табоҳ.
Зи хоки сияҳ сохта хобгоҳ[1].

Ба пеши сипаҳбад бигуфт он чи дид,
Дили паҳлавон з-он сухан бардамид.

Бифармуд, к- "Ӯро бихонед зуд,
Хурӯше аз ин сон кӣ ёрад шунуд".

Бирафтанду гуфтанд, к-«Эй хуфта мард,
Аз ин хоби бар хок[2] бедор гард».

Чу Дороб асп андаровард пой,
Ҳамон гоҳ тоқ андаромад зи ҷой.

Чу солори шоҳ он шигифтӣ бидид,
Саропои Доробро бингарид[3].

Бишуд тез бо ӯ ба пардасарой,
Ҳаме гуфт, к-«Эй додгар як Худой,

Касе дар ҷаҳон ин шигифтӣ надид,
На аз кордида бузургон[4] шунид».

Бифармуд, то ҷомаҳо хостанд,
Ба хиргоҳ ҷояш биёростанд.

Ба кирдори кӯҳ оташе барфурӯхт,
Басе уд бо мушку анбар бисӯхт.

Чу хуршед барзад сар аз кӯҳсор,
Сипаҳбад ба рафтан баророст кор.

Бифармуд, то мӯбади раҳнамой
Яке даст ҷома зи сар то ба пой.

Яке тозиаспе ба зарринситом[5]
Яке ҷавшану*[6] теғи зарринниём.

1. Л – ҷойгоҳ.
2. Л – хоб бархезу.
3. ТПЗИМ – Чунин гуфт, к- "Инат шигифте шигифт,
   К-аз ин бартар андоза натвон гирифт".
4. Л – кордонони пешин.
5. Л – аспи тозӣ ба зарринлагом.
6. М – Камар хост бо.

www.sattor.com

Ба Дороб доду бипурсид аз ӯй,
Ки «Эй шердил, марди пархошҷӯй,

Чӣ мардиву буму нажодат куҷост,
Сазад, гар бигӯӣ ҳама гуфт[1] рост?»[2]

Чу бишнид Дороб, яксар бигуфт,
Гузашта ҳама баркушод аз нуҳуфт.

Бар он сон, ки зан бад-ӯ кард ёд,
Суханҳо ҳама гуфт бо Рашнавод.

Зи сандуқу ёқути бозуи хеш,
Зи динору дебои паҳлӯи хеш.

Якояк ба солори лашкар бигуфт,
Зи ором в-аз хобу ҷои нуҳуфт.

Ҳамон гаҳ фиристод кас Рашнавод,
Фиристодаро гуфт бар сони бод.

Зани гозуру гозуру мӯҳраро –
Биёред Баҳрому ҳам Зӯҳраро.

РАЗМИ ДОРОБ БО ЛАШКАРИ РУМ

Бигуфт ину з-он ҷойгаҳ баргирифт,
Аз он марз то Рум лашкар гирифт.

Сипаҳбад талоя ба Дороб дод,
Талоя синонро ба заҳр об дод,

Талоя ҳаме рафт наздики*[3] Рум
В-аз ин сӯ нигаҳбони ин марзбум.

Зи ногаҳ ду лашкар ба ҳам бозх [в]ард
Баромад ҳамон гоҳ гарди набард.

Ҳама як ба дигар баромехтанд[4],
Чу рӯди равон хун ҳаме рехтанд.

1. Л – намоӣ ба мо роҳи.
2. И –б. 183 нест.
3. М – Биёмад талоя ба наздики Рум.
4. Л – баровехтанд.

www.sattor.com

Чу Дороб дид он сипоҳи набард[1],
Ба пеш андаромад ба кирдори гард[2].

Аз он лашкари Рум чандон бикушт,
Ки гуфтӣ[3] ҷаҳон теғ дорад ба мушт.

Ҳаме рафт аз он гуна бар сони шер,
Наҳанге ба ҷанг*[4] аждаҳое ба зер.

Чунин то ба лашкаргаҳи румиён,
Ҳаме тохт бар сони шери жаён.

Замин шуд зи румӣ чу дарёи хун,
Ҷаҳонҷӯйро теғ буд раҳнамун.

Ба пирӯзӣ аз румиён гашт боз,
Ба наздики солори гарданфароз.

Басе офарин ёфт аз Рашнавод,
Ки "Ин лашкари шоҳ бе ту мабод.

Чу мо бозгардем аз ин марзи Рум,
Сипоҳ андарояд ба обод бум,

Ту чандон навозиш биёбӣ зи шоҳ,
Ки ёбӣ фузунӣ ба ганҷу*[5] кулоҳ".

Ҳама шаб ҳаме лашкар оростанд,
Силеҳи саворон бипеёростанд.

Чу хуршед барзад сар аз тирароғ,
Замин шуд ба кирдори равшанчароғ,

Ба ҳам боз хӯрд ин ду ҷангӣ сипоҳ,
Шуд аз гард хуршеди тобон сиёҳ.

Чу Дороб пеш омаду ҳамла бурд,
Инонро ба аспи таковар супурд,

1. ИЛМ – бузург.
2. ИЛМ – гург.
3. Л – Ту.
4. М – даст.
5. М – Зи аспу зи ганҷу зи тахту.

www.sattor.com

Ба пеши сафи румиён кас намонд,
Зи гурдони шамшерзан бас намонд.

Ба қалби сипоҳ андаромад чу гург,
Пароканда кард[1] он сипоҳи бузург.

В-аз он ҷойгаҳ шуд сӯи Маймана,
Биёвард чанде силеҳу[2] буна.

Ҳама лашкари Рум барҳам дарид[3],
Касе аз ялон хештанро надид.

Далерони Эрон ба кирдори шер,
Ҳаме тохтанд аз паси ӯ далер.

Бикуштанд чандон зи румисипоҳ,
Ки гил шуд зи хун[4] хоки овардгоҳ.

Чиҳил ҷосалик аз бузургон бикушт,
Биёмад салибе гирифта ба мушт.

Чу з-ӯ Рашнавод ин бузургӣ бидид,
Зи шодӣ дили паҳлавон бардамид[5].

Бар ӯ офарин карду чанде сутуд,
Бар он офарин меҳрубонӣ фузуд.

Шаб омад, ҷаҳон қиргун шуд ба ранг,
Ҳама бозгаштанд лашкар зи ҷанг.

Сипаҳбад ба лашкаргаҳи румиён
Баросуду букшод банд аз миён,

Бубахшид дар шаб басе хоста,
Шуд аз хоста лашкар ороста[6].

Фиристод назидики Дороб кас,
Ки «Эй шердил, марди фарёдрас,

1. Л – гашт.
2. Л – силоҳу.
3. ИЛ – румиён бардарид.
4. Л – оғушта шуд.
5. И – бишкафид.
6. И –б. 218, 219 нест.

www.sattor.com

Нигаҳ кун кунун, то писанди ту чист
В-аз ин хоста судманди ту чист.

Нигаҳ дор чизе, ки рой оядат,
Бубахш он чи дил раҳнамой оядат.

Ҳар он чӣ писандат наёяд, бубахш,
Ту номитарӣ аз худованди Рахш».

Чу он дид Дороб, шуд шодком,
Яке найза бардошт аз баҳри ном.

Фиристод дигар сӯи Рашнавод
Бад-ӯ гуфт пирӯз бодиву шод.

Чу аз бохтар тира шуд рӯи меҳр,
Бипӯшид дебои мушкин сипеҳр,

Ҳамон посе аз тирашаб даргузашт,
Талоя пароканда бар гирди[1] дашт.

Ғави посбон хост чун валвала,
Ҳаме шуд чу овози шери яла.

Чу зарринсипар баргирифт офтоб,
Сари ҷангҷӯён баромад зи хоб.

Бубастанд гурдони Эрон миён,
Ҳаме тохтанд аз паси румиён.

Ба шамшери тез оташ афрӯхтанд,
Ҳама шаҳрҳоро ҳаме сӯхтанд.

Зи Руму зи румӣ барангехт гард,
Кас аз буму бар ёд ҳаргиз накард.

Хурӯше баромад ба зорӣ зи Рум,
Ки бугзоштанд он дилорой бум.

Ба қайсар-бар аз кин ҷаҳон танг шуд,
Рухи номдорон-ш беранг шуд.

1. Л – кӯҳу.

www.sattor.com

Фиристода омад бари Рашнавод,
Ки гар додгар сар напечад зи дод,

Шудаст он ки ҷангӣ буд, аз ҷанг сер
Сари бахти Рум андаромад ба зер.

Агар бож хоҳӣ ту, фармон кунем,
Ба наввӣ яке боз паймон кунем.

Фиристод Қайсар зи ҳар гуна чиз,
Або бадраҳо барда бисёр низ.

Сипаҳбад пазируфт аз ӯ ҳар чи*[1] буд,
Зи динор в-аз гавҳари нобисуд.

ШИНОХТАНИ ҲУМОЙ ПИСАРРО

В-аз он ҷойгаҳ бозгаштанд шод,
Писандида Дороб бо Рашнавод.

Ба манзил бад-он тоқи вайрон расид,
Ки Доробро андар ӯ хуфта дид.

Зани гозуру шӯю гавҳар ба ҳам,
Расиданду аз бими хорӣ дижам.

Ҳамон гоҳашон хонд аз ҷои хеш,
Ба Яздон паноҳида рафтанд пеш.

Чу дид он зану шӯйро Рашнавод,
Зи ҳар гуна пурсиду карданд ёд.

Бигуфтанд бо ӯ сухан ҳар чи буд,
Зи сандуқ в-аз гавҳари нобисуд.

Зи ранҷу зи парвардани ширхор,
Зи тимор в-аз гардиши рӯзгор.

Чунин гуфт бо шӯю зан Рашнавод,
Ки «Пирӯз бошеду ҳамвора шод!

1. М – он чи.

www.sattor.com

Ки кас дар ҷаҳон ин шигифтӣ надид,
На аз мӯбадон низ ҳаргиз шунид».

Ҳам андар замон марди покизарой,
Яке нома бинвишт назди Ҳумой.

Зи Дороб в-аз об в-аз хобгоҳ,
Ҳам он ҷанги ӯ андар он размгоҳ.

Зи гозур сухан ҳар чи бишнид низ,
Зи сандуқ в-аз кӯдаки хурду чиз.

В-аз овоз, к-омад мар ӯро ба гӯш,
Зи тангӣ, ки шуд Рашнавод аз хурӯш.

В-аз он, к-ӯ ба асп андаровард пой,
Ҳамон гоҳ тоқ андаромад зи ҷой.

Ба нома дарун сар ба сар кард ёд,
Наванде, барафканд бар сони[1] бод.

Ҳамон сурхгавҳар бад-ӯ доду гуфт
Ки «Бо бод бояд, ки гардӣ ту ҷуфт».

Фириста чу бод[2] андаромад[3] зи ҷой,
Биёвард ёқут назди Ҳумой.

Ба шоҳи ҷаҳондор нома бидод,
Шунида бигуфт аз лаби Рашнавод.

Чу он нома бархонду гавҳар бидид[4],
Сиришкаш зи мижгон ба рух барчакид.

Бидонист, к-он рӯз, к-омад ба дашт,
Сипаҳ як ба як пеши ӯ баргузашт,

Бидид он ҷавоне ки буд фарҳаманд,
Ба рух чун баҳору ба боло баланд,

1. Л – Барафганд пӯянда марде чу.
2. И – фиристода чу.
3. Л – фиристода чун бод омад.
4. Л – ёқут дид.

www.sattor.com

Набудаст ҷуз покфарзанди ӯй,
Гаронмоя шохи барӯманди ӯй.

Фиристодаро гуфт гирён Ҳумой,
Ки омад ҷаҳонро яке кадхудой.

Набуд эч аз андеша мағзам тиҳӣ,
Пурандеша будам зи шоҳаншаҳӣ.

Зи додори кайҳон дилам пурҳарос,
Куҷо гашта будам аз ӯ носипос.

Ки Яздон писар доду нашнохтам,
Ба оби Фурот андар андохтам.

Бубастам ба бозуш-бар ин[1] гуҳар,
Писар хор шуд чун намондаш[2] падар[3].

Кунун Эзад ӯро ба ман боз дод,
Ба пирӯз ному пайи Рашнавод.

Зи динор ганҷе фурӯ рехтанд,
Маю мушку гавҳар баромехтанд.

Бубахшид, бар ҳар кӣ будаш ниёз,
Дигар ҳафта ганҷи дирам кард боз.

Ба ҷое ки донист оташкадаст,
В-агар Занду Устову ҷашни Садаст,

Бубахшид ганҷе бар ин гуна низ,
Ба ҳар кишваре барпароканд чиз.

Ба рӯзи даҳум бомдодон пагоҳ,
Сипаҳбад биёмад ба наздики шоҳ.

Бузургону Дороб бо ӯ ба ҳам,
Касеро нагуфтанд аз бешу кам.

1. Л – ба бозут барбастам ин як.
2. Л – бумирад.
3. И –б. 265, 266 нест.

www.sattor.com

БАР ТАХТ НИШОНДАНИ ҲУМОЙ ДОРОБРО

Зи даргоҳ парда фурӯ ҳишт шоҳ,
Ба як ҳафта касро надоданд роҳ.

Ҷаҳондор заррин яке тахт кард,
Ду курсӣ зи пирӯзаву лоҷвард.

Яке тоҷи пургавҳари шоҳвор,
Ду ёра яке тавқи гавҳарнигор.

Яке ҷомаи хуравонӣ ба зар,
Дар ӯ бофта чанд гуна гуҳар,

Нишаста ситорашумар пеши шоҳ,
Зи ахтар ҳаме кард рӯзе нигоҳ.

Ба шаҳривари Баҳман аз бомдод,
Ҷаҳондор Доробро бор дод.

Яке ҷом пур сурхёқут кард,
Дигар ҷом пур карда аз зарри зард.

Чу омад ба наздики айвон фароз,
Ҳумой омад аз дуру бурдаш намоз.

Барафшонд он гавҳари шоҳвор,
Фурӯ рехт аз дида хун бар канор.

Мар ӯро гирифташ ба[1] оғӯш танг,
Бибӯсиду бистурд рӯяш ба чанг.

Биёварду бар тахти заррин нишонд,
Ду чашмаш зи дидори ӯ хира монд.

Чу Дороб бар тахти заррин нишаст,
Ҳумой омаду тоҷи заррин ба даст[2].

Бибӯсиду[3] бар тораки ӯ ниҳод,
Ҷаҳонро ба дайҳими ӯ мужда дод.

1. Л – Писарро гирифт андар.
2. И – б. 285 нест.
3. ИЛМ – Биёварду.

www.sattor.com

Чу аз тоҷ Дороб фурӯзиш гирифт,
Ҳумой андар он кор пӯзиш гирифт.

Ба Дороб гуфт он чи андар гузашт,
Чунон дон, ки як сар ҳама бод гашт.

Ҷавониву ганҷ омаду ройи зан,
Падар мурдаву шоҳ бе ройзан.

Агар бад кунад, з-ӯ магир он ба даст,
Ки ҷуз тахти шоҳӣ мабодат нишаст.

Чунин дод посух ба модар ҷавон,
Ки «Ҳастӣ ту аз гавҳари хусравон*[1].

Набояд шигифт ар дил ояд[2] ба ҷӯш,
Ба як бад чӣ дорӣ ту чандин хурӯш?

Ҷаҳонофарин аз ту хушнуд бод,
Дили бадсиголат пур аз дуд бод.

Зи ман ёдгоре бувад ин сухан,
Ки ҳаргиз ба дафтар нагардад куҳан».

Бар ӯ офарин кард фаррух Ҳумой,
Ки «То тоҷ бошад, ту бошӣ ба ҷой».

Бифармуд, то мӯбади мӯбадон
Бихонад зи ҳар кишваре бихрадон.

Пас аз лашкар он кас, ки буд номдор.
Сарафроз, шерони ханҷаргузор,

Бифармуд, то хонданд офарин,
Ба шоҳӣ бар он номдори замин.

Чу бар тоҷи шоҳ офарин хонданд,
Бар он тоҷ-бар[3]*[4] гавҳар афшонданд.

1. М – паҳлавон.
2. Л – омад.
3. Л – тоҷи нав.
4. М – тахти нав.

www.sattor.com

Бигуфт он, ки андар ниҳон карда буд
В-аз он карда бисёр ғам х[в]арда буд,

Бидонист, к-аз Баҳмани шаҳрёр,
Ҷуз ин нест андар чаҳон ёдгор.

Ба фармони ӯ рафт бояд ҳама,
Ки ӯ чун шубон асту гурдон рама.

Бузургиву дайҳиму шоҳӣ варост,
Бад-ӯ дошт бояд ҳама пушт рост.

Ба шодӣ хурӯше баромад зи кох,
Ки навраста диданд фархунда шоҳ,

Бикарданд[1] чандон зи гавҳар[2] нисор,
Ки шуд нопадид андар он шаҳрёр.

Ҷаҳон пур*[3] шуд аз шодмониву дод,
Касеро наёмад ғаму ранҷ ёд.

Ҳумой он замон гуфт бо мӯбадон,
Ки «Эй номвар, богуҳар бихрадон,

Ба сиву ду сол он чи кардам ба[4] ранҷ,
Супурдам бад-ӯ тахти[5] шоҳиву[6] ганҷ.

Шумо шод бошеду фармон баред,
Абе ройи ӯ як нафас машмаред».

Чу Дороб зи тоҷи меҳӣ[7] гашт шод,
Ба ором дайҳим бар сар ниҳод,

Зани гозуру гозур омад давон,
Бигуфтанд, к-«Эй шаҳрёри ҷавон[8],

1. ИЛ – Бибурданд.
2. ИЛ – ҳар сӯ.
3. М – нав.
4. И – бурдам зи.
5. И – тоҷи.
6. И – подшоҳиву.
7. Л – Дороб аз тахти нав.
8. И – замон.

www.sattor.com

Нишасти каӣ бар ту фархунда бод,
Дили бадсиголони ту канда бод».

Бифармуд Доро, ки[1] даҳ бадра зар
Биёранд[2] пурмоя ҷоми[3] гуҳар.

Зи ҳар ҷомае тахта фармуд панҷ,
Бидод он касеро, к-аз ӯ дид ранҷ.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй гозури пешакор,
Ба пеша[4] равонро пурандеша[5] дор.

Магар з-об сандуқ ёбӣ яке,
Чу Дороб бад-ӯ андарун кӯдаке».

Бирафтанду лабҳо пур аз офарин,
Зи додор бар*[6] шоҳи Эронзамин.

Кунун ахтари гозур андар гузашт,
Ба дукон шуду бурд ушнон ба дашт.

---

1. Л – Дороб.
2. ИЛМ – Биёред.
3. Л – ҷоме.
4. И – Ҳамеша.
5. Л – Ҳамеша равонро ба андеша.
6. М – ҷома.

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ ДОРОБ
ДУВОЗДАҲ СОЛ БУД

СОХТАНИ ДОРОБ ШАҲРИ ДОРОБГИРДРО

Кунун офарин аз ҷаҳонофарин
Бихонем бар шаҳрёри замин.

Абулқосим он шоҳи хуршедчеҳр,
Ки гетӣ биёрост бар доду меҳр[1].

Наҷӯяд ҷуз аз дод в-аз[2] ростӣ,
Наёрад ба дод-андарун костӣ,

Ҷаҳон равшан аз тоҷи Маҳмуд бод,
Ҳама рӯзгорон-ш масъуд бод!

Ҳамеша ҷавон, то ҷавонӣ бувад,
Ҳам он зинда, то зиндагонӣ бувад[3],

Чӣ гуфт он сароянда деҳқони пир,
Зи Гуштосп в-аз номдор Ардашер.

В-аз он номдорони фархундарой[4],
Зи Дороб в-аз расму ройи Ҳумой.

Чу Дороб ба тахти каӣ барнишаст,
Камар бар миён басту букшод даст.

Чунин гуфт бо мӯбадону радон,
Бузургону бедордил бихрадон,

Ки «Гетӣ наҷустам ба ранҷу ба дод,
Маро тоҷ Яздон ба сар барниҳод.

Шигифтитар аз кори ман дар ҷаҳон,
Набинад касе ошкору ниҳон.

---

1. ТПЗЛ – Шаҳаншоҳ Маҳмуди пирӯзбахт,
Худованди тоҷу худованди тахт.
2. ИЛМ – хубиву.
3. И –б. 5 нест.
4. ИЛ – покизарой.

www.sattor.com

Надонем ҷуз дод подоши ин,
Ки бар мо пас аз мо кунанд офарин.

Набояд, ки печад кас аз ранҷи мо,
Бад-ин рӯз огандани ганҷи мо.

Замона ба доди ман обод бод,
Дили зердастони мо шод бод».

В-аз он пас зи Ҳиндустону зи Рум,
Зи ҳар марзи боарзу ободбум,

Бирафтанд бо ҳадяҳову[1] нисор,
Биҷустанд хушнудии шаҳрёр.

Чунон буд, ки рӯзе зи баҳри гала,
Биёмад, ки аспон бубинад яла,

Зи пастӣ биёмад, ба кӯҳе расид,
Яке бекарон жарфдарё бидид.

Бифармуд, к-аз Ҳинд в-аз румиён
Биёранд корозмуда радон[2].

Кушоянд[3] аз ин оби дарё даре[4],
Расонанд рӯде[5] ба ҳар кишваре.

Чу букшод донанда з-он об банд,
Яке шаҳр фармуд бас судманд.

Чу девори шаҳр андаровард гирд,
В-аро ном карданд Доробгирд.

Яке оташ афрӯхт[6] аз теғи кӯҳ,
Парастандаи озар омад гурӯҳ.

Зи ҳар пешае коргар хостанд,
Ҳама шаҳр аз эшон биёростанд.

---

1. Л – ҳадяву бо.
2. И – сарон, Л – гавон.
3. Л – биҷӯянд.
4. ЛМ – баре.
5. Л – рӯзӣ.
6. Л – афганд.

www.sattor.com

Ба ҳар сӯ фиристод бемар сипоҳ,
Зи душман ҳаме дошт гетӣ нигоҳ.

Ҷаҳон аз бадандеш бебим кард,
Дили бадсиголон ба ду ним кард.

ШИКАСТАНИ ДОРОБ ЛАШКАРИ ШУАЙБРО

Чунон буд, ки аз тозиён сад ҳазор,
Набарда саворони найзагузор.

Бирафтанду солори эшон Шуайб,
Яке номдор аз нажоди Қутайб[1].

Ҷаҳондори Эрон сипоҳе бибурд,
Ки гуфтанд, к-онро[2] нашояд шумурд.

Фароз омаданд ин ду лашкар ба ҳам,
Ҷаҳон шуд зи пархошҷӯён дижам.

Замин он сипаҳро ҳаме барнатофт,
Бар он бум кас ҷои рафтан наёфт.

Зи борони жӯпину борони тир,
Замин шуд зи хун чун яке обгир.

Хурӯше баромад зи ҳар паҳлуе,
Тали кушта диданд бар ҳар суе.

Се рӯзу се шаб з-он нишон ҷанг буд,
Замона бар он ҷангиён танг буд.

Чаҳорум араб рӯй[3] баргоштанд,
Ба шаб[4] дашти пайкор бугзоштанд.

Шуайб андар он размгаҳ кушта шуд,
Арабро ҳама рӯз баргашта шуд.

1. ТПЗ – К-аз Эрон бароранд гарди сиёҳ
Ба мардӣ бигиранд дайҳиму гоҳ.
2. Л – Ту гуфтӣ, ки онро.
3. И – пушт.
4. И – басе.

www.sattor.com

Басе аспи тозӣ ба зини хаданг,
Басе найзаву хӯду*[1] хафтони ҷанг

Аз он рафтагон монд он ҷо ба ҷой
Ба назди ҷаҳондор пури Ҳумой.

Бубахшид чизе, ки буд бар сипоҳ
Зи аспу зи румҳу[2]*[3] зи[4] теғу кулоҳ.

Зи лашкар яке марзбон баргузид,
Ки гуфтори эшон бидонад шунид.

Фиристод, то бож хоҳад зи дашт,
Аз ин солу он сол, к-андар гузашт.

РАЗМ КАРДАНИ ДОРОБ БО ФАЙЛАҚУС ВА БА ЗАНӢ ГИРИФТАН ДУХТАРАШРО

Шуд аз дашти Найзаварон[5] то ба[6] Рум,
Ҳаме разм ҷуст[7] андар обод бум.

Ба Рум-андарун шоҳ буд Файлақус,
Яке буд бо ройи ӯ шоҳи рус[8].

Набиштанд нома, ки пури Ҳумой,
Сипоҳе биёвард бемар зи ҷой.

Чу бишнид солори Рум ин сухан,
Ба ёд омадаш рӯзи кини куҳан.

Зи Аммурия лашкаре гирд кард,
Ҳама номдорони рӯзи набард.

Чу Доро биёмад, бузургони Рум
Бипардохтанд он ҳама марзу бум.

1. М – Ҳамон найзаву таргу.
2. И – найза.
3. М – тоҷу.
4. Л – аспу зи ҷӯпину.
5. И – ҷанги найзаварон.
6. Л – ҷанги найзаварон сӯи.
7. ИЛ – ҷуст разм.
8. ИЛ – Сус.

www.sattor.com

Зи Аммурия Файлақусу сарон,
Бирафтанд гурдону ҷанговарон.

Ду разми гарон карда шуд дар се рӯз,
Чаҳорум чу бифрӯхт гетифурӯз,

Гурезон бишуд Файлақусу сипоҳ,
Якеро набуд таргу румӣ кулоҳ.

Зану кӯдаконшон[1] бибурданд асир,
Бикуштанд чанде ба борони[2] тир.

Чу аз пеши Дороб ба шаҳр омаданд,
Аз он рафта лашкар ду баҳр омаданд.

Дигар бештар куштаву хаста буд,
Паси пушташон найза пайваста буд.

Ба Аммурия-дар ҳисорӣ шуданд
В-аз эшон басе зинҳорӣ шуданд.

Фиристодае омад аз Файлақус,
Хирадманду бедору бо нӯъму бус.

Або бадраву бардаву бо нисор,
Ду сандуқ пур гавҳари шоҳвор.

Чунин буд пайғом, к-аз як Худой
Бихоҳам, ки ӯ бошадам[3] раҳнамой.

Ки фарҷоми ин разм базм оварем,
Мабодо, ки дил сӯи разм оварем.

Ҳама ростӣ бошаду[4] мардумӣ,
Зи кажживу торӣ бигирад*[5] камӣ.

Чу Аммурия, к-он нишасти ман аст,
Ту оиву хоҳӣ, ки гирӣ ба даст[6].

1. И – кӯдаконро.
2. ИЛ – шамшеру.
3. Л – бошад варо.
4. ИЛ – бояду.
5. М – аз оз хезад.
6. Л – созӣ мар онро нишаст.

www.sattor.com

Дили ман ба ҷӯш омад аз ному нанг,
Ба ҳангоми базм андароям ба чанг.

Ту он кун, ки аз шаҳрёр он[1] сазост,
Падар шоҳ буду писар подшост.

Чу бишнид, озодагонро бихонд,
Ҳама достон назди[2] эшон биронд.

«Чӣ бинед,- гуфт,- андар ин гуфтугӯй,
Бичӯяд ҳаме Файлақус обрӯй?»

Ҳама меҳтарон хонданд офарин,
Ки «Эй шоҳи бинодилу покдин,

Шаҳаншоҳ бар меҳтарон меҳтар аст,
Зи кор он гузинад, куҷо беҳтар аст.

Яке духтаре дорад он номдор,
Ба болой сарву ба рух чун баҳор.

Буторой чун ӯ набинад ба Чин,
Миёни бутон чун дурахшон нигин.

Шаҳаншоҳ*[3] бинад, писанд оядаш,
Ба полез сарви баланд оядаш».

Фиристодаи Румро хонд шоҳ,
Бигуфт он чи бишнид аз он некхоҳ.

Бад-ӯ гуфт: «Рав, пеши қайсар бигӯй,
Ки гар ҷуст хоҳӣ ҳаме обрӯй,

Паси пардаи ту яке духтар аст,
Ки бар тораки бонувон афсар аст,

Нигоре, ки Ноҳид хонӣ варо,
Бар авранги заррин нишонӣ варо,

Бари ман фиристиш бо божи Рум
Чу хоҳӣ, ки беранҷ монӣ ба бум».

1. Л – шаҳриёрӣ
2. И – пеши.
3. М – Агар шоҳ.

www.sattor.com

Фиристода бишниду омад чу бод,
Ба қайсар-бар он гуфтаҳо кард ёд.

Бад-он шод шуд Файлақусу сипоҳ,
Ки домод бошад мар ӯро чу шоҳ.

Сухан рафт ҳар гуна аз божу сов,
Зи чизе, ки дорад шаҳи Рум тов,

Бар он барниҳоданд соле, ки шоҳ,
Ситонад зи қайсар ба ҳар меҳрмоҳ.

Зи зар хояи рехта сад ҳазор
Або ҳар яке гавҳари шоҳвор.

Чиҳил карда мисқол ҳар хояе,
Ҳамон низ гавҳар гаронмояе.

Бубахшид бар марзбонони Рум,
Ҳар он кас, ки бошад зи обод бум.

В-аз он пас ҳама файласуфони шаҳр,
Касеро, ки буд андар он марз баҳр,

Бифармуд, то роҳро сохтанд,
Зи ҳар кор дилҳо бипардохтанд.

Бирафтанд бо духтари шаҳрёр,
Гаронмоягон ҳар яке бо нисор.

Яке маҳди заррин биёростанд,
Парастандаву тоҷи зар хостанд.

Даҳ уштур ҳама бор дебои Рум
Ҳама пайкар аз гавҳару зар-ш бум.

Шутурвор сесад зи густурданӣ,
Зи чизе, ки буд шоҳро бурданӣ.

Диломи[1] румӣ ба маҳд-андарун,
Сақубову роҳиб варо раҳнамун.

1. ИЛ – Дилорои.

www.sattor.com

Канизак паси пушти Ноҳид шаст,
Аз он ҳар яке ҷоми заррин ба даст.

Ба ҷом-андарун гавҳари шоҳвор,
Буторой бо афсару гӯшвор.

Суқуф хубрӯро ба Дороб супурд,
Гуҳарҳо ба ганҷури ӯ баршумурд.

В-аз он пас бар он размгаҳ барнамонд,
Сипаҳро сӯи шаҳри Эрон биронд.

Сӯи Порс шуд бо дилором шод,
Кулоҳи бузургӣ ба сар барниҳод.

БОЗ ФИРИСТОДАНИ ДОРОБ ДУХТАРИ ФАЙЛАҚУСРО БА РУМ ВА ЗОДАНИ ИСКАНДАР АЗ Ӯ

Шабе хуфта буд моҳ бо шаҳрёр,
Пур аз гавҳару бӯю рангу нигор.

Ҳамоно, ки барзад яке тез дам,
Шаҳаншоҳ аз он дам задан шуд дижам.

Бупечиду дар ҷома сар з-ӯ битофт,
Ки аз накҳаташ бӯи нохуб ёфт.

Аз он кор шуд шоҳи Эрон дижам*[1],
Пурандеша ҷону равон пур зи ғам.

Пизишкони донандаро хонданд,
Ба наздики Ноҳид биншонданд.

Яке марди бинолиду некрой,
Пижӯҳид то дору омад ба ҷой.

Гиёҳе, ки сӯзандаи ком буд,
Ба Рум - андар Искандараш ном буд.

Бимолид бар коми ӯ - бар пизишк,
Биборид чанде зи мижгон сиришк.

1. М – ҷон абрувон пур зи хам.

www.sattor.com

Бишуд нохушибӯю комаш бисӯхт,
Ба кирдори дебо рухаш барфурӯхт.

Агарчанд мушкин шуд он хубчеҳр,
Дижам буд Доробро ҷои меҳр,

Дили подшо сард гашт аз арӯс,
Фиристод бозаш бари[1] Файлақус.

Ҳаме буд аз ӯ кӯдаке дар ниҳон,
Нагуфт он сухан бо касе дар ҷаҳон.

Чу нӯҳ моҳ бугзашт аз он хубчеҳр,
Яке кӯдак омад чу тобанда меҳр.

Зи болову рангу зи бӯё бараш,
Сикандар ҳаме хондӣ модараш.

Ки фаррух ҳаме дошт он номро,
Ки аз нохушӣ ёфт з-ӯ комро.

Ҳаме гуфт қайсар ба ҳар меҳтаре,
Ки пайдо шуд аз тухми ман қайсаре.

Наёвард кас номи Дороб-бар
Сикандар писар буду қайсар падар.

Ҳаме нангаш омад, ки гуфтӣ ба кас,
Ки Дороб зи фарзанди ман кард бас.

Чу Искандар аз покмодар бизод,
Яке шуд ба назди ниё, мужда дод.

Дар охур яке модиён буд саманд,
Қавиҳайкалу тунду[2]*[3] болобаланд.

Ҳамон шаб яке куррае зод хинг,
Бараш чун бари шеру кӯтоҳлинг.

1. ИЛ – сӯи.
2. Л – Гаҳи кор кориву.
3. М – Гаҳи кор корӣ, ба

www.sattor.com

Зи зоянда қайсар барафрохт ёл,
Ки он зоданаш фаррух омад ба фол,[1]

Ба шабгир фарзандро хостӣ,
Ҳамин модиёнро биёростӣ.

Бисудӣ ҳаме курраро чашму ёл,
Ки ҳамто буд ӯ бо Сикандар ба сол.

Сипеҳр андар ин низ чанде бигашт,
Зи ҳар гунае солиён баргузашт.

Сикандар дили хусравонӣ гирифт,
Сухан гуфтани паҳлавонӣ гирифт.

Фузун аз писар доштӣ қайсараш,
Биёростӣ паҳлавонӣ бараш.

Хирад ёфт лахтеву шуд кордон,
Ҳашивору босангу бисёрдон.

Валиаҳд гашт аз паси Файлақус,
Ба дидори ӯ доштӣ нӯъму бус.

Ҳунарҳо, ки бошад каёнро ба кор,
Сикандар биёмӯхт з-омӯзгор.

Ту гуфтӣ нашояд магар додро,
Дигар[2] тахти шоҳиву бунёдро.

В-аз он пас, ки Ноҳид назди падар
Биёмад, зане хост Дороб дигар.

Яке кӯдак омад-ш бо фарру ёл,
Зи фарзанди Ноҳид кеҳтар ба сол.

Ҳам он рӯз Доро-ш карданд ном,
Ки то аз падар пеш[3] бошад ба ком.

Чу даҳ сол бугзашт аз ин бо ду сол,
Шикаст андаромад ба фолу ба ёл.

1. ИЛ – ҳамон.
2. И – Ваё.
3. ИЛ – беш.

www.sattor.com

Бипажмурд шодоб пури Ҳумой,[1]
Ҳаме хондандаш ба дигар сарой.

Бузургону фарзонагонро бихонд,
Зи тахти бузургӣ фаровон биронд.

Бигуфт ин[2], ки «Дорои Дороб кунун
Шуморо ба некӣ бувад раҳнамун.

Ҳама гӯш доредну фармон баред,
Зи фармони ӯ ромиши ҷон баред.

Ки ин тахти шоҳӣ намонад дароз,
Чу хушшӣ расад*[3], зуд хонданд боз.

Бикӯшед бо меҳр, дод оваред,
Ба шодӣ маро низ ёд оваред».

Бигуфт ину бод аз ҷигар баркашид,
Шуд он барги гулнор чун шанбалид.

---

1. Л – суханҳо.
2. И – Бигуфто.
3. М – бувад.

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ ДОРО ПИСАРИ ДОРОБ
ЧАҲОРДАҲ СОЛ БУД

Чу Доро зи дил[1] сӯги Дороб дошт,
Ба хуршед тоҷи каӣ барфарошт.

Яке мард буд тезу барнову тунд,
Шуда[2] бо забонаш дили теғ кунд.

Чу биншаст бар гоҳ гуфт: «Эй сарон,
Сарафроз гурдону кундоварон,

Касеро нахоҳам, ки афтад ба чоҳ,
На аз чоҳ хонам сӯи тоҷу гоҳ.

Касе, к-ӯ зи фармони мо бугзарад,
Сарашро ҳаме тан ба сар нашмарад.

В-агар ҳеҷ тоб андарорад ба дил,
Ба шамшер бошам варо дилгусил.

Ҷуз аз мо ҳар он кас, ки доранд ганҷ,
Нахоҳам каси шоддилро ба ранҷ.

Бихоҳам,[3] ки бошад маро раҳнамой,
Манам раҳнамою манам дилкушой.

Зи гетӣ хуру бахшу паймон гмарост,
Бузургиву шоҳиву фармон марост».

Дабири хирадмандро пеш хонд,
Зи ҳар дар фаровон суханҳо биронд.

Яке нома бинвишт фаррух дабир,
Зи Дорои Дороб ибн Ардашер,

Ба ҳар сӯ, ки буд шоҳи худкомае
Бифармуд чун ханҷаре номае.

Ки ҳар, к-ӯ зи рою зи фармони ман
Бупечад, бубинад сарафшони ман.

1. Л – ҳаме; И – ба дил.
2. И – шудӣ.
3. ЛМ – Нахоҳам.

www.sattor.com

Ҳама гӯш яксар ба фармон ниҳед.
Агар ҷон ситонед, агар ҷон диҳед.

Сари[1] ганҷҳои падар баркушод,
Сипаҳро ҳама хонду рӯзӣ бидод.

Зи чор андаромад дирам то ба ҳашт,
Якеро ба ҷому якеро[2] ба тašт.

Дирам доду динору баргустувон,
Ҳамон ҷавшану теғу гурзи гарон.

Ҳар он кас, ки буд кордида саре,
Бубахшид бар ҳар саре кишваре.

Якеро зи гарданкашон марз дод,
Сипаҳро ҳама чизи боарз дод.

Фиристода омад зи ҳар кишваре,
Зи ҳар номдореву ҳар меҳтаре.

Зи Ҳинду зи Фағфуру хоқони Чин,
Зи Руму зи[3] ҳар кишваре ҳамчунин.

Ҳама пок бо ҳадяву божу сов,
На пай буд бо ӯ касеро, на тов.

Яке шорсон кард Зарнӯш[4] ном,
Ба Аҳвоз гаштанд аз ӯ шодком.

Касеро ки дарвеш буд, дод дод,
Ба хоҳандагон ганҷи ободи[5] дод.

МУРДАНИ ФАЙЛАҚУС ВА БАР ТАХТ НИШАСТАНИ СИКАНДАР

Бимурд андар он чанд гаҳ Файлақус,
Ба Рум-андарун буд якчанд бус.

---

1. Л - Дари.
2. Л – дигарро.
3. Л – Кашмиру.
4. Л – Нӯшод.
5. ИЛ – ганҷу бунёд.

www.sattor.com

Сикандар ба тахти ниё барнишаст,
Бехӣ ҷусту дасти бадиро бубаст.

Яке номдоре буд он гаҳ ба Рум,
К-аз ӯ шод буд он[1] ҳама марзу бум.

Ҳаким Арстотолисаш буд[2] ном,
Хирадманду бедор[3], густурдаком.

Ба пеши Сикандар шуд он покрой,
Забон кард гӯёву бигрифт ҷой.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй меҳтари шодком,
Ҳаме гум кунӣ андар ин кор ном.

Ки тахти каён чун ту бисёр дид,
Нахоҳад ҳаме бо касе орамид.

Ҳар он гаҳ, ки гӯӣ расидам ба ҷой,
Набояд зи гетӣ маро раҳнамой,

Чунон дон, ки нодонтарин кас туви,
Агар панди донандагон нашнавӣ.

Зи хокему ҳам хокро зодаем,
Ба бечорагӣ тан бад-ӯ додаем.

Агар нек бошӣ, бимонад-т ном,
Ба тахти каӣ-бар бувӣ шодком.

В-агар бад кунӣ, ҷуз бадӣ надравӣ,
Шабе дар ҷаҳон шодмон нағнавӣ.

Ба некӣ бувад шоҳро дастрас,
Ба бад рӯзи некӣ[4] наҷустаст кас».

Сикандар шунид он, писанд омадаш,
Сухангӯйро фарҳаманд омадаш.

1. ИЛ – будӣ.
2. Л – Ҳакиме ки буд Арстолис.
3. Л – бедору.
4. ИЛ – бадрӯз гетӣ.

www.sattor.com

Ба фармони ӯ кард коре, ки кард,
Зи базму зи разму зи нангу набард.

Ба нав ҳар замонеш бинвохтӣ,
Чу рафтиш бар тахт биншохтӣ.

Чунон буд, ки рӯзе фиристодае,
Сухангӯю равшандил озодае

Зи наздики Доро биёмад ба Рум,
Кучо бож хоҳад зи обод бум.

Ба пеши Сикандар бигуфт ин сухан,
Ғамӣ гашт аз он божу сови куҳан.

Бад-ӯ гуфт: «Рав, пеши Доро бигӯй,
Ки аз божи мо шуд кунун рангу бӯй.

Ки мурғе зи заррин ҳамин хоя кард,
Бимурду сари бож бемоя кард».

Фиристода посух бад-он сон шунид,
Битарсиду аз Рум[1] шуд нопадид[2].

Сикандар сипаҳро саросар бихонд,
Гузашта сухан пеши[3] эшон биронд.

Чунин гуфт, к-«Аз гардиши осмон
Наёбад гузар марди некигумон.

Маро рӯи гетӣ бибояд сипард[4],
Баду нек чанде бибояд шумард[5].

Шуморо бибояд кунун сохтан,
Дил аз буму бар пок[6] пардохтан»[7].

1. Л – битарсид в-аз бим.
2. И – б. 45, 46 нест.
3. И – суханҳо бар.
4. И – сутурд.
5. И – шумурд.
6. ИЛ – ором.
7. ТПЗМ – Меҳон чун шуниданд фармони ӯй,
Якояк ниҳоданд бар хок рӯй.
Ки мо мар туро яксара бандаем.
Ба фармони Қайсар сарафкандем.

www.sattor.com

Сари ганҷҳои ниё боз кард[1],
Бифармуд то лашкараш соз кард[2].

Ба шабгир бархост аз Рум ғав,
Зи шаҳру зи даргоҳи солори нав.

Дурафше паси пушти солори Рум,
Набишта бар ӯ сурху пирӯза бум[3].

Сикандар ба Миср андаромад зи роҳ,
Або лашкару бӯқу кӯсу сипоҳ[4].

Шаҳи Миср бо лашкари кинахоҳ
Пазира биёмад ҳамон гаҳ ба роҳ[5].

Ду лашкар ба рӯй андаровард рӯй,
Бибуданд як ҳафта пархошҷӯй.

Ба ҳаштум ба Миср андаромад шикаст,
Сикандар сари роҳи эшон бубаст.

Ба як роҳ чандон гирифтор шуд,
Ки гирандаро даст бекор шуд.

Зи кӯпол в-аз аспу баргустувон,
Зи хафтону аз ханҷари ҳиндувон.

Камарҳои заррину симинситом,
Ҳамон теғи мисрӣ[6] ба заррин ниём.

Л – пас аз б. 50 ин б. омада:
Ки моро ҳам акнун бибояд бирафт,
Марн ин корро зуд бипсеч тафт.

1. Л – баркушод.
2. Л – лашкаре соз дод;
ТПЗЛ – Зи аспон, ки дар дашт будӣ яла,
Биёвард аз дашт чӯпон гала.
Ҳар он кас, ки буд ӯ пиёда, савор –
Бикарду бидодаш силеҳу нисор.
3. ТПЗЛ – Ҳумой аз бару хезронаш қазиб.
Набишта бар ӯ - бар «муҳиб-ус-салиб».
4. ТПЗИЛМ – Ба Миср омад аз Рум чандон сипоҳ
Ки бастанд бар мӯру бар пашша роҳ.
5. ИЛМ – б. 54, 55 нест.
6. Л – ҳиндӣ.

www.sattor.com

Зи дебову динор чандон биёфт,
Ки он[1] хоста борагӣ барнатофт.

Басе зинҳорӣ биёмад савор[2],
Бузургони ҷанговари номдор[3].

В-аз он ҷойгаҳ сози Эрон гирифт,
Дили шеру чанги далерон гирифт.

Чу бишнид Доро, ки лашкар зи Рум
Биҷунбиду омад бар ин марзу бум,

Бирафтанд аз Истахр чандон сипоҳ,
Ки аз найза бар бод барбаст роҳ.

Ҳаме дошт аз Порс оҳанги Рум,
Ки ангезад оташ зи обод бум.

Чу овард лашкар ба пеши Фурот,
Шумори сипаҳ[4] беш буд аз набот.

Ба гирди лаби об лашкар кашид,
Зи ҷавшан касе оби дарё надид.

ОМАДАНИ СИКАНДАР БА РАСУЛИИ ХЕШ НАЗДИ ДОРО

Сикандар чу бишнид, к-омад сипоҳ,
Пазира шуданро бипаймуд роҳ.

Миёни ду лашкар ду фарсанг монд,
Сикандар гаронмоягонро бихонд.

Зи ҳар гуна бо ӯ сухан ронданд,
Суханҳои Доро бар ӯ хонданд.

Чу сер омад аз гуфтаи раҳнамой,
Чунин гуфт, к-«Акнун ҷуз ин нест рой,

1. ИЛ – аз.
2. И – сипоҳ.
3. И – кинахоҳ.
4. Л – сипаҳро адад.

www.sattor.com

Ки ман чун расуле шавам пеши ӯй,
Ҳама баргироям каму беши ӯй».

Камар хост пур гавҳари[1] шоҳвор,
Яке хусравӣ ҷомаи пурнигор[2].

Бибурданд болои[3] зарринситом,
Ба зин-андарун теғи зарринниём.

Саворе даҳ аз румиён баргузид,
Ки гӯянду донанд гуфту шунид.

Зи лашкар биёмад сапедадамон
Худу номбардор даҳ тарҷумон.

Чу омад ба наздики гарданфароз,
Пиёда шуду пеш бурдаш намоз.

Ҷаҳондор Доро мар ӯро бихонд,
Бипурсиду бар зери[4] гоҳаш нишонд.

Ҳама номдорони фурӯ монданд,
Бар ӯ-бар ҷаҳонофарин хонданд.

Зи дидор в-аз фарру фарҳанги ӯй,
Зи болову аз шоҳу авранги ӯй.

Ҳамон гаҳ чу биншаст, бар пой хост,
Паёми Сикандар биёрост рост.

Нахуст офарин кард бар шаҳрёр,
Ки ҷовид бодо сари тоҷдор[5].

Сикандар чунин гуфт, к-«Эй некном,
Ба гетӣ ба ҳар ҷой густурда ком,

Маро орзу нест бо шоҳ ҷанг,
На дар буми Эрон гирифтан диранг.

1. И – гуфтани.
2. И – пурмоя зарнигор.
3. И – яке бораи хуби.
4. И – наздики.
5. И – номдор.

www.sattor.com

Бар онам, ки гирди замин андаке,
Бигардам, бубинам ҷаҳонро яке.

Ҳама ростӣ хоҳаму некуӣ,
Бавижа, ки солори Эрон туӣ.

Агар хок дорӣ ту аз ман дареғ,
Нашояд сипардан ҳаворо чу меғ.

Чунин бо сипоҳ омадӣ пеши ман,
Наӣ огаҳ аз ройи кам беши ман.

Чу разм оварӣ, бо ту разм оварам,
Аз ин бум бе ҷанг[1] барнагзарам.

Гузин кун яке рӯзгори набард,
Бар ин бошу аз орзу бармагард,

Ки ман сар напечам зи ҷанги сарон,
Агарчанд бошад сипоҳе гарон».

Чу Доро бидид он дилу рои ӯй,
Сухан гуфтану фарру болои ӯй,

Ту гуфтӣ, ки Дорост, бар тахти оҷ,
Або ёраву тавқу бо фарру тоҷ.

Бад-ӯ гуфт: «Ному нажоди ту чист,
Ки бо[2] фарру шохат нишони каист?

Аз андозаи кеҳтарӣ[3] бартарӣ,
Ман эдун гумонам, ки Искандарӣ.

Бад-ин фарру болову гуфтору чеҳр,
Магар тахтро парваридат сипеҳр».

Чунин дод посух, ки «Ин кас накард,
На дар оштиву на андар набард.

На гӯяндагон бар дараш камтаранд,
Ки бар тораки бихрадон афсаранд,

1. ИЛ – бе разм.
2. ЛМ – бар.
3. ИЛ – кеҳтарон.

www.sattor.com

Куҷо худ паём орад аз хештан,
Чунон шаҳрёре сари[1] анҷуман.

Сикандар на з-ин поя дорад хирад,
Ки аз роҳи пешинагон бугзарад.

Паёмам сипаҳбад бар ин гуна дод,
Бигуфтам ба шоҳ он чи ӯ кард ёд».

Биёростандаш яке ҷойгоҳ,
Чунон чун бувад дархури пойгоҳ.

Сипаҳдори Эрон чу бинҳод хон,
Ба солор фармуд, к-ӯро бихон.

Фиристодаро дарзамон хонданд,
Ба ҷои[2] расулон-ш биншонданд[3].

Чу нон хӯрда шуд, маҷлис оростанд,
Маю руду ромишгарон хостанд.

Сикандар чу хӯрдӣ майи хушгувор,
Ниҳодӣ сабук ҷомро дар канор.

Чунин то маю ҷом чанде бигашт,
Ниҳодан аз андоза андаргузашт.

Диҳанда биёмад ба Доро бигуфт,
Ки меҳмон[4] шуд имрӯз бо ҷом ҷуфт.

Бифармуд, то з-ӯ бипурсид шоҳ,
Ки ҷоми набид аз чӣ дорӣ нигоҳ?

Бад-ӯ гуфт соқӣ: «Аё[5] шоҳфаш,
Чӣ дорӣ ҳаме ҷоми заррин ба каш»?

Сикандар чунон дод посух, ки «Ҷом
Фиристодаро бошад, эй некном.

1. Л – номдор ба ҳар.
2. Л – хони.
3. И – б. 104, 105 нест.
4. Л – румӣ.
5. Л – ки эй.

www.sattor.com

Гар оини Эрон ҷуз ин асту роҳ,
Бубар ҷоми заррин сӯи ганҷи шоҳ».

Бихандид аз оини ӯ шаҳрёр,
Яке ҷоми пургавҳари шоҳвор.

Бифармуд, то бар кафаш барниҳанд,
Яке сурхёқут бар сар ниҳанд.

Ҳам андар замон божхоҳони Рум
Куҷо рафта буданд аз ин марзу бум,

Зи берун бар ин*[1] размгоҳ омаданд,
Хиромон ба наздики шоҳ омаданд.

Фиристода рӯи Сикандар бидид,
Бари шоҳ рафт, офарин густарид.

Бад-ӯ гуфт, к-«Ин қайсар[2] Искандар аст,
Ки бар тахт[3] бо гурзу бо афсар аст.

Бад-он гаҳ, ки моро бифармуд шоҳ
Бирафтем наздики ӯ божхоҳ.

Барошуфту моро бад-он хор кард,
Ба гуфтор бо шоҳ пайкор кард.

Чу аз подшоҳиш бигрехтем,
Шаби тира аспон барангехтем[4].

Надидем монандаи ӯ ба Рум,
Далер омадаст ӯ бар ин марзу бум.

Ҳаме баргирояд сипоҳи туро,
Ҳамон ганҷу тахту кулоҳи туро».

Чу гуфти фиристода бишнид шоҳ
Фузун кард сӯи Сикандар нигоҳ.

1. М – хона бад-ин.
2. ИЛ – меҳтар.
3. Л – бо тахту.
4. И – б. 122 нест.

www.sattor.com

Сикандар бидонист, к-андар ниҳон
Чӣ гуфтанд бо шаҳрёри ҷаҳон.

Ҳаме буд, то тиратар гашт рӯз,
Сӯи бохтар гашт гетифурӯз,

Биёмад ба даҳлези пардасарой,
Диловар ба асп андаровард пой.

Чунин гуфт бо он саворони хеш,
Баландахтару номдорони хеш,

Ки «Моро кунун ҷон ба асп-андар аст,
Чу сустӣ кунад, бод монад ба даст».

Ҳама бодпоён барангехтанд,
Зи пеши ҷаҳондор бугрехтанд.

Чу Доро сару афсари ӯ надид,
Ба торикӣ-андар бишуд нопадид[1],

Нигаҳбон фиристод ҳам дар замон
Ба наздикии хаймаи бадгумон.

Чу рафтанд, бедордил рафта буд,
Ки бахти чунон подшаҳ хуфта буд,

Паси ӯ фиристод Доро савор,
Далерони[2] пархошҷӯён ҳазор.

Чу бод аз паси ӯ ҳаме тохтанд,
Чу шаб[3] тира буд, роҳ нашнохтанд.

Талоя бидиданду гаштанд боз,
Набуд суд ҷуз ранҷи роҳи дароз.

Чу Искандар омад ба пардасарой,
Бирафтанд гурдони румӣ[4] зи ҷой.

1. И – б. 131, 132 нест.
2. ИЛ – Далерону.
3. ИЛ – Шаби.
4. Л – ҷангӣ.

www.sattor.com

Бидиданд шаб шоҳро шодком
Ба пеш-андарун пургуҳар ҳаст ҷом.

Ба гурдон чунин гуфт, к-«Обод бед,
Бад-ин фаррухӣ фоли мо шод бед!

Ки ин ҷом пирӯзии ҷони мост,
Сари ахтарон зери фармони мост.

Ҳам аз лашкараш баргирифтам шумор
Фаровон кам аст аз шунидам савор[1].

Ҳама ҷангро теғҳо баркашед
В-аз ин дашту ҳомун сар андар кашед.

Чу дар ҷанг танро ба ранҷ оваред,*[2]
Аз он ранҷ шодиву ганҷ оваред*[3].

Ҷаҳонофаринанда ёри ман аст,
Сари ахтар андар канори ман аст.

Бузургон бар ӯ хонданд офарин,
Ки обод бодо ба қайсар замин!

Фидои ту бодо тану ҷони мо,
Бар ин аст ҷовид паймони мо.

Кӣ ёрад зи шоҳон будан ёри ту,
Ба мардиву болову дидори ту?!

РАЗМИ ДОРО БО ИСКАНДАР ВА ШИКАСТ ЁФТАНИ ДОРО

Чу хуршед барзад сар аз пушти зоғ,
Замин шуд ба кирдори равшан чароғ.

Ҷаҳондор Доро сипаҳ баргирифт,
Ҷаҳон чодари қир бар сар гирифт.

1. ИЛ – б. 142 нест.
2. М – оварем.
3. М – оварем.

www.sattor.com

Биёвард лашкар зи рӯди Фурот
Ба ҳомун сипаҳ буд беш аз набот.

Сикандар чу бишнид, к-омад сипоҳ,
Бизад кӯсу овард лашкар ба роҳ[1].

Зи хафтону аз ҳанҷари ҳиндувон,
Зи аспу зи олоту баргустувон.

Зи созу зи гурдони ҳар ду гурӯҳ,
Замин ҳамчу дарё шуду гард кӯҳ.

Дурӯя сипаҳ баркашиданд саф,
Зи ханҷар ҳаме ёфт хуршед таф.

Ба пеши сипоҳ овариданд пил,
Ҷаҳон[2] шуд ба кирдори дарёи Нил.

Саворони ҷанг аз пасу пил пеш,
Ҳама баргирифта дил аз ҷони хеш[3].

Ту гуфтӣ ҳаво хун хурӯшад ҳаме,
Замин аз хурӯшаш биҷӯшад ҳаме.

Зи бас нолаи бӯқу ҳиндидарой[4],
Ҳама мардро[5] дил баромад зи ҷой.

Зи овози аспону бонги сарон
Чарангидани гурзҳои гарон

Ту гуфтӣ замин кӯҳи ҷангӣ[6] шудаст,
Зи гард осмон рӯи зангӣ шудаст.

Ба як ҳафта гурдони пархошҷӯй
Ба рӯй андароварда буданд рӯй.

---

1. ТПЗИЛ – Ду лашкар, ки онро карона набуд,
Чу Искандар андар замона набуд.
2. Л – Замин.
3. Л – б. 157 нест.
4. Л – бӯқ бо карраной.
5. Л – Ҳаме кӯҳро.
6. ИЛ – сангӣ.

www.sattor.com

Ба ҳаштум бaромад яке тирагард
Бад-он сон, ки хуршед шуд лоҷвард[1].

Бипӯшид дидори эронсипоҳ,
Надиданд ҷуз хоки овардгоҳ.

Ҷаҳондор Доро бупечид рӯй.
Ҳам он номвар лашкари ҷангҷӯй[2].

Ба рӯди Фурот андаромад сипоҳ
Гурезон бирафтанд аз он размгоҳ.

Сипоҳи Сикандар пас андар дамон,
Яке пур зи ғам, дигаре шодмон.

Сикандар бишуд то лаби рӯдбор
Бикуштанд аз эрониён бешумор.

Сипоҳ аз лаби об баргоштанд,
Бифармуд, то рӯд нагзоштанд.

Ба пирӯзӣ омад бад-он размгоҳ,
Куҷо пеш буд бо гузида сипоҳ.

РАЗМИ ДУВУМИ ДОРО БО ИСКАНДАР

Чу Доро зи пеши Сикандар бирафт,
Ба ҳар сӯ саворон фиристод тафт.

Аз Эрону Тӯрон меҳонро бихонд,
Дирам доду рӯзидеҳонро бихонд.

Сари моҳи нав лашкар обод кард.
Сари номдорон пур аз бод кард.

Дигарбора аз об ин сӯ гузашт,
Биёрост лашкар бар он паҳндашт,

Сикандар чу бишнид, лашкар биронд,
Пазира шуду созаш[3] он ҷо бимонд.

1. Л – ложвард.
2. И – б. 164 – 165 нест.
3. Л – лашкар.

www.sattor.com

Сипаҳро чу рӯй андаромад ба рӯй,
Замину замон гашт пархошҷӯй.

Се рӯз андар он размашон шуд диранг,
Чунон шуд, ки аз кушта буд ҷой танг[1].

Фаровон зи эрониён кушта шуд,
Ҷаҳонҷӯйиро рӯз баргашта шуд.

Пур аз дард баргашт аз овардгоҳ,
Чу ёрӣ надодаш ҳаме хуру моҳ[2],

Сикандар биёмад*[3] паси ӯ чу гард,
Басе аз ҷаҳонофарин ёд кард[4].

Хурӯше баромад зи пеши сипоҳ,
Ки «Эй зердастони гумкардароҳ,

Шуморо зи ман бими озор нест,
Сипоҳи маро бо шумо кор нест.

Бибошед эмин ба айвони хеш,
Ба Яздон супурда тану ҷони хеш.

Ба ҷону тан аз румиён растаед
В-агарчи ба хун дастро[5] шустаед».

Чу лашкар аз ӯ[6] эминӣ ёфтанд,
Ҳаме[7] рух сӯи румиён тофтанд[8].

---

1. ТПЗЛ – Сикандар дигарбора пирӯз гашт,
Баландахтару гетафрӯз гашт.
Сипоҳаш гурезону Доро ба ҷанг,
Ҳаме хок бугзид бар ҷои нанг.
2. Л – пас аз б. 179 ин б. омада:
Касеро, ки ӯ гум кунад бахти хеш,
Сазад, гар бигирад ҳама рахти хеш.
3. М – баромад.
4. Л – пас аз б. 180 ин б. омада:
Басе тохтӣ ӯ пас андар дамон,
Набудаш аз ин тохтан худ замон.
Наяфтад мар ӯро аз ӯ бозгашт,
Ҳама лашкар аз вай пуровоз гашт.
5. Л – дастҳо.
6. Л – эрониён.
7. ЛМ – Ҳама.
8. И – б. 185 нест.

www.sattor.com

Сикандар биёмад ба дашти набард,
Ҳама хоста сар ба сар гирд кард.

Бубахшид бар лашкараш хоста,
Сипоҳаш ба наввӣ*[1] шуд ороста.

Бибуданд чанде бар он размгоҳ,*[2]
Чу осуда шуд шаҳрёру сипоҳ,

Ҷаҳондор Доро ба Чаҳрам расид,
Ки он ҷо будӣ ганҷҳоро калид.

Ҳама меҳтарон пешвоз омаданд,
Пур аз дарду гурму гудоз омаданд.

Хурӯшон падар чун писарро надид,
Писар ҳамчунин, к-ӯ*[3] падарро надид.

Ҳама шаҳри Эрон пур аз нола буд,
Ба чашм-андарун об чун жола буд.

Зи Чаҳрам биёмад ба шаҳри Ситахр,
Ки озодагонро бад-он буд фахр.

Фиристодае рафт бар ҳар суве,
Ба ҳар номдореву ҳар паҳлаве.

Сипоҳ анҷуман шуд ба айвони[4] шоҳ,
Ниҳоданд заррин яке зергоҳ.

Чу Доро бар он курсии зар нишаст,
Бирафтанд гурдони хусравпараст.

Ба эрониён гуфт, к-«Эй меҳтарон,
Хирадманду шерону ҷанговарон,

Бубинед, то ройи[5] ин[6] кор чист»,
Ҳаме гуфт бо дарду чанде гирист.

1. М – Ба нерӯ сипоҳаш шуд
2. М – Бибуд андар он буму бар чор моҳ.
3. М – чун.
4. И – даргоҳи.
5. И – роҳи.
6. Л – чораи.

www.sattor.com

Ҳаме гуфт[1], к-«Имрӯз[2] мурдан ба ном,
Беҳ аз зиндаву румиён[3] шодком.

Ниёкону шоҳони мо то буданд,
Ба ҳар сол боже ҳаме бистаданд.

Ба ҳар кор моро забун буд Рум,
Кунун бахти озодагон гашт шум.

Ҳама подшоҳӣ Сикандар гирифт,
Ҷаҳондор шуд тахту афсар гирифт.

Чунин ҳам намонад, биёяд кунун,
Ҳама Порс гардад чу дарёи хун.

Зану кӯдаку мард гардад асир,
Намонад бар ин бум барнову пир.

Маро гар шавед андар ин ёрманд,
Бигардонам ин дарду ранҷу газанд.

Шикори бузургон буданд он гурӯҳ
Ҳама гашта аз шаҳри Эрон сутӯҳ.

Кунун мо шикорему эшон паланг,
Ба ҳар корзоре гурезон зи ҷанг.

Агар пушт яксар ба пушт оваред,
Бару буми эшон ба мушт оваред.

Касе, к-андар ин ҷанг сустӣ кунад,
Накӯшад, ки то ҷон дурустӣ кунад.

Мадоред аз ин пас ба гетӣ умед,
Ки шуд Рум Заҳҳоку мо Ҷаммшед».

Ҳаме гуфт гирёну дил пур зи дард,
Ду рухсора зарду ду лаб лоҷвард.

Бузургони донанда бархостанд,
Ҳама посухашро биёростанд.

1. ИМ – Чунин гуфт
2. Л – мӯбад, ки
3. ИЛМ – зинда, душман бад-ӯ

www.sattor.com

Хурӯше баромад зи айвон ба зор,
Ки гетӣ нахоҳем бе шаҳрёр.[1]

Ҳама рӯй яксар ба ҷанг оварем.
Ҷаҳон бар бадандеш танг оварем.

Бубандем доман як андар дигар,
Агар хок ёбем, агар буму бар[2].

Силеҳу дирам дод лашкаршро,
Ҳамон номдорони кишваршро.

РАЗМИ СЕВУМИ ИСКАНДАР БО ДОРО ВА ГУРЕХТАНИ ДОРО БА КИРМОН

Сикандар чу аз кораш огоҳ шуд,
Ки Доро ба тахт афсари моҳ шуд,

Сипаҳ баргирифт аз Ироқу биронд,
Ба рӯи ҳама номи Яздон бихонд.

Сипаҳро миёну карона набуд,
Ҳамон бахти Доро ҷавона набуд.

Пазира шуданро биёрост шоҳ,
Биёвард аз Истахр чандон сипоҳ,

Ки гуфтӣ замин барнатобад ҳаме,
Фалак роҳи рафтан наёбад ҳаме.

Ду шоҳи[3] ду кишвар кашиданд саф,
Ҳама найзаву гурзу ханҷар ба каф.

Баромад чунон аз ду лашкар хурӯш,
Ки чархи фалакро бидаррид гӯш.

Чу дарё шуд аз хуни гурдон замин,
Тани бесарон буд ҳама дашти кин.

1. М – Бикӯшад, ки то ҷонпарастӣ.
2. ТПЗ – Чу бишнид Доро сухан з-он гурӯҳ,
Ки карданд дар ҷанг дилҳо чу кӯҳ.
3. Л – Сипоҳи

www.sattor.com

Падарро набуд бар писар ҷои меҳр,
Бар эшон набахшид гардонсипеҳр.

Шаб омад, ба Доро даромад шикаст,
Сикандар миён тохтанро бубаст.

Ҷаҳондор Доро[1] ба Кирмон расид[2],
Ҳаме аз кафи[3] душманон ҷон кашид.

Сикандар биёмад ба Истахри Порс,
Ки дайҳими шоҳон буду фахри Порс.

Хурӯше баланд омад аз боргоҳ,
Ки «Эй меҳтарони намояндароҳ,

Ҳар он кас, ки зинҳор хоҳад ҳаме,
Зи карда ба Яздон паноҳад ҳаме,

Ҳама яксар андар[4] паноҳи мананд[5],
Бидонанд[6] агар некхоҳи мананд[7].

Ҳама хастагонро бубахшем чиз,
Ҳамон хуни душман нарезем низ.

Зи чизи касон даст кӯтаҳ кунем,
Хирадро сӯи равшанӣ раҳ кунем[8].

Чу пирӯзгар додамон фаррахӣ,
Бузургиву дайҳиму шоҳаншаҳӣ.

Касе, к-ӯ зи фармони мо бигзарад,
Ҳаме гардани аждаҳо биспарад».

Зи чизе ки буд[9] андар он размгоҳ,
Бубахшид яксар ҳама бар сипоҳ.

1. Л – лашкар
2. ЛМ – кашид.
3. Л – бади.
4. Л – яксара дар
5. Л – манед.
6. Л – Бидонед.
7. Л – манед.
8. И – б. 228, 233 нест.
9. ИЛ – дид.

www.sattor.com

Чу Доро зи Эрон ба Кирмон расид,
Ду баҳр аз бузургони Эрон надид.

Хурӯше буд андар миёни сипоҳ,
Касеро[1] надиданд бар сар кулоҳ.

Бузургони фарзонаро гирд кард,
Касеро, ки бо ӯ буд андар набард.

Ҳама меҳтарон зору гирён шуданд,
Зи бахти бади хеш бирён шуданд.

Чунин гуфт Доро, ки «Ҳам бегумон
Зи мо буд бар мо бади осмон.

Шикан з-ин нишон дар ҷаҳон кас надид,
На аз кордонони пешин шунид.

Зану кӯдаку шаҳри Эрон[2] асир,
Равон[3] хаста аз ахтару тан ба тир[4].

Чӣ бинеду инро чӣ дармон кунед[5],
Ки бадхоҳро з-ин пушаймон кунед?[6]

На кишвар, на шаҳру на тахту кулоҳ,
На шоҳӣ, на фарзанду ганҷу сипоҳ.

Гар эдун, ки бахшоиши Кирдигор
Набошад, табаҳ шуд ба мо рӯзгор».

Касе, к-аз гаронмоягон зистанд,
Ҳама пеши ӯ зор бигристанд.

Ба овоз гуфтанд, к-«Эй шаҳрёр,
Ҳама хастаем аз бади рӯзгор.

1. ИЛМ – Якеро.
2. Л – шаҳриёрон.
3. Л – Ҷигар.
4. Л – пас аз б. 243 ин б. омада:
   Ҳама хоста пок ғорат шуда,
   Зи ганҷам ҳама созу олат шуда.
5. ЛМ – кунем.
6. ЛМ – кунем.

www.sattor.com

Сипаҳро зи кӯшиш сухан даргузашт,
Зи торак дами об бартар гузашт.

Падар беписар шуд, писар бепадар,
Чунин омад аз чархи гардон ба сар.

Киро модару хоҳару духтар аст,
Ҳама пок дар дасти Искандар аст.

Ҳама пок пӯшидарӯёни ту,
Ки буданд ларзанда бар ҷони ту,

Чи ганҷи ниёкони бартарманиш,
Ки омад ба дасти ту бесарзаниш,

Кунун монда андар кафи душманон[1],
Нажоди бузургону ганҷи каён.

Кунун нест моро або вай диранг,
Ки кӯшем бо вай ҳам аз роҳи ҷанг[2].

Кунун чора бо ӯ мудорост бас,
Ки тоҷи бузургӣ намонад ба кас.

Ҳамин чархи гардон бар ӯ бугзарад,
Чунин донад он кас, ки дорад хирад.

Ту ӯро ба тан зердастӣ намой,
Яке дар сухан низ чарбӣ физой.

Бубинем, фарҷом то чун бувад,
Ки гардиш зи андеша берун бувад.

Яке нома бинвис наздики ӯй,
Пурандеша кун ҷони торики ӯй.

Касе, к-ӯ ба дониш забонаш фурӯхт[3],
Ба чора бад аз бун тавонад[4] сипухт»

1. ИЛ – румиён.
2. И – б. 255 нест.
3. Л – гӯяд оташ забонаш насӯхт.
4. Л – тан бибояд.

www.sattor.com

Аз эшон чу бишнид, фармон гузид,
Чунон, к-аз раҳи шаҳрёрон сазид.

НОМАИ ДОРО БА ИСКАНДАР ДАР БОРАИ ОШТӢ

Дабири ҷаҳондидаро хонд шоҳ,
Биёвард қиртосу мушки сиёҳ.

Яке нома бинвишт бо доғу дард,
Ду дида пур аз хуну рух лоҷвард.

Зи Дорои Дороб бинн Ардашер,
Сӯи қайсар Искандари шергир.

Нахуст офарин кард бар кирдгор,
К-аз ӯ дид неку бади рӯзгор.

Дигар гуфт, к-«Аз гардиши осмон,
Хирадманд барнагзарад бегумон.

К-аз ӯ шодмонему з-ӯ бониҳеб,
Гаҳе бар фарозу гаҳе бар нишеб[1].

На мардӣ буд ин разми мо бо сипоҳ,
Магар гардишу бахшиши хуру моҳ.

Кунун будании буду мо дил ба дард –
Чӣ дорем аз ин гунбади лоҷвард.

Кунун гар бисозиву паймон кунӣ,
Дил аз ҷанг ҷустан[2] пушаймон кунӣ,

Ҳамон[3] ганҷи Гуштоспу Исфандёр,
Ҳамон ёраву тавқи[4] бо гӯшвор[5].

---

1. ТПЗЛ – Зи Яздон бувад некуӣ дар ҷаҳон
Шиносандаи ошкору ниҳон.
Аз ӯям паноҳу бад-ӯям сипос,
Ҷаҳонгири хуб аст Яздоншинос.
2. Л – ҷанги Эрон.
3. И – Ҳама.
4. ИЛ – тоҷи.
5. ТПЗЛ – Ҳамон тахти* Кайхусраву тоҷи зар
Ҳамон хӯду хафтону** зарринкамар.
* Л – тавқи; ** Л – тоҷи аспу.

www.sattor.com

Фиристам ба ганҷи ту аз ганҷи хеш,
Ҳамон низ варзидаи ранҷи хеш.

Ҳамон ман туро ёр бошам ба ҷанг,
Ба рӯзи шитобат наҷӯям диранг.

Касеро, ки дорӣ зи пайванди ман,
Зи пӯшидарӯёну фарзанди ман,

Бари ман фиристӣ, набошад шигифт,
Ҷаҳонҷӯйиро кин набояд гирифт.

Зи пӯшидарӯён чуз аз сарзаниш,
Наёбанд шоҳони бартарманиш[1].

Чу нома бихонад худованди ҳуш,
Биёояд он ройи донишниюш[2].»

Ҳаюне зи Кирмон биёмад дамон,
Ба наздики Искандари бадгумон.

Сикандар чу он нома бархонд, гуфт,
Ки «Бо ҷони Доро хирад бод ҷуфт.

Касе, к-ӯ гирояд ба пайванди ӯй,
Зи пӯшидарӯёну фарзанди ӯй,

Набинад магар тахтаи гӯр тахт,
Гар овехта сар зи шохи дарахт.

---

1. ТПЗ – Чу пирӯз гаштӣ, бузургӣ намой.
Ба ҳар некие некие барфизой.

2. ТПЗ – Бипурсад зи ёрон чу бар кӯҳакӯс
Бубастанд Дорову ҳам Файлақус.
Ба Руму ба румӣ зи шамшери тез
Чӣ кард он ҷаҳонҷӯй гоҳи ситез?
Чу аз ростӣ рой зад шоҳи Рум
Шуд оҳандили ӯ чу як мӯҳра мум.
Навиштанд аҳдеву гаштанд боз,
Бар он - бар бимонданд рӯзи дароз,
Ту чун чира гаштӣ, агар бугзарӣ
Насозӣ зи кин бо касе доварӣ,
Намонад зи ту ном эдар бадӣ,
Битобад зи ту фарраи эздӣ
Ҳаме хост Доро пас аз сорвон
Биёвард наздаш ҳам андар замон,
Ҷаҳонҷӯй, чун нома биспурд, гуфт:
Ки «Бо бод бояд, ки гардӣ ту ҷуфт».

www.sattor.com

Аз Эрон надорам касеро ба*[1] ранҷ,
Аз эшон мабодо, ки хоҳем ганҷ.

Ту гар сӯи Эрон хиромӣ, равост,
Ҳама подшоҳӣ саросар туруст.

Зи фармони ту як замон нагзарам,
Нафас низ бе ройи ту нашмарам[2]».

Ба кирдори киштӣ биёмад ҳаюн,
Дилу дидаи тоҷвар пур зи хун.

КУШТА ШУДАНИ ДОРО БА (ДАСТИ) ДАСТУРОНИ ХУД

Чу он посухи нома Доро бихонд,
Зи кори ҷаҳон дар шигифтӣ бимонд,

Саранҷом гуфт: «Ин зи куштан батар,
Ки ман пеши румӣ бубандам камар.

Сутудон маро беҳтар ояд зи нанг,
Бад-ин достон зад яке марди санг.

Ки гар оби дарё бихоҳад расид,
Бад-ӯ[3] қатраборон наёяд падид.

Ҳаме будаме ёри ҳар кас ба ҷанг,
Чу шуд мар маро з-ин нишон кор танг,

Набинам ҳаме дар ҷаҳон ёр кас
Ҷуз аз[4] Эзадам нест фарёдрас».

Чу ёвар набудаш зи наздику дур
Яке нома бинвишт наздики Фур.

---

1. М – Зи мо худ мабодо, ки бинанд ранҷ.
2. ТПЗ – Сикандар чунон нома посух навишт,
   Ба боғи бузургӣ дарахте бикишт.
   Ки бораш ҳама офарин буд пок,
   Зи тобанда хуршеду торикхок.
3. Л – Дар ӯ.
4. ЛМ – Ба ҷуз.

www.sattor.com

Пур аз лобаву зердастиву дард,
Нахуст офарин бар ҷаҳондор кард.

Дигар гуфт, к-«Эй меҳтари ҳиндувон,
Хирадманду донову равшанравон,

Ҳамоно, ки назди ту омад хабар,
Ки моро чӣ омад зи ахтар ба сар.

Сикандар биёвард лашкар зи Рум,
На бар монд моро, на обод бум.

На пайванду фарзанду тахту кулоҳ,
На дайҳими шоҳӣ, на ганҷу сипоҳ.

Гар эдун, ки бошӣ маро ёрманд,
Ки аз хештан боздорам газанд,

Фиристам-т чандон гуҳарҳо зи ганҷ,
К-аз он пас набинӣ ту аз ганҷ ранҷ.

Ҳамон дар ҷаҳон низ номӣ шавӣ,
Ба назди бузургон гиромӣ шавӣ».

Ҳаюне фиристод[1] бар сони бод,
Баромад бари Фури фуроннажод.

Чу Искандар огоҳ шуд з-он сухун,
Ки Дорои Дороб чӣ афканд бун,

Бифармуд, то баркашиданд ной,
Баромад ғави кӯсу ҳиндидарой.

Биёвард аз Истахр чандон сипоҳ,
Ки хуршед бар чарх гум кард роҳ.

В-аз он рӯй Доро биёмад ба роҳ[2],
Ҷаҳон тоза шуд яксар аз фарри шоҳ[3].

Баромад хурӯши сипоҳ аз ду рӯй,
Беором шуд мардуми ҷангҷӯй.

1. ИЛМ – барафканд.
2. Л – дигар.
3. ИМ – б. 306 нест, Л – шуд пур аз лашкару шурӯ шар.

www.sattor.com

Сикандар ба оин сафе баркашид,
Ҳаво нилгун шуд, замин нопадид.

Чу Доро биёвард лашкар ба роҳ,
Сипоҳе на бар орзу размхоҳ.

Шикаста дилу гашта аз разм сер,
Сари бахти эрониён гашта зер,

Наёвехтанд эч бо румиён,
Чу рӯбаҳ шуд он наррашери жаён.

Гаронмоягон зинҳорӣ шуданд,
Зи авҷи бузургӣ ба хорӣ шуданд.

Чу Доро чунон дид, баргошт рӯй,
Гурезон ҳаме рафт бо ҳою ҳуй.

Бирафтанд бо шоҳ сесад савор,
Аз Эрон ҳар он кас, ки буд номдор.

Ду дастур будаш гиромӣ ду мард,
Ки бо ӯ будандӣ ба дашти набард.

Яке мӯбаде номи ӯ Моҳёр
Дигар мардро ном Ҷонусёр.

Чу диданд, к-он кор бесуд гашт,
Баландахтару номи Доро гузашт,

Яке бо дигар гуфт, к-ин шӯрбахт,
Аз ин пас набинад дигар*[1] тоҷу тахт.

Бибояд задан дашнае бар бараш
В-агар*[2] теғи ҳиндӣ яке бар сараш.

Сикандар супорад ба мо кишваре
Бар ин подшоҳӣ шавем афсаре.

Ҳаме рафт бо ӯ ду дастури ӯй,
Ки дастур буданду ганҷури ӯй.

---

1. М – ҳамон.
2. М – Дигар.

www.sattor.com

Меҳин бар чапу Моҳёраш ба рост,
Чу шаб тира гашт, аз ҳаво бод хост,

Яке дашна бигрифт Ҷонусёр,
Бизад бар бару синаи шаҳрёр.

Нагун шуд сари номбардор шоҳ
В-аз ӯ бозгаштанд яксар сипоҳ.

АНДАРЗ КАРДАНИ ДОРО БО ИСКАНДАР ВА МУРДАН

Ба наздики Искандар омад вазир,
Ки «Эй шоҳи пирӯзу донишпазир,

Бикуштем мо душманат[1] ногаҳон,
Сар омад бар ӯ тоҷу тахти меҳон».

Чу бишнид гуфтори Ҷонусёр,
Сикандар чунин гуфт бо Моҳёр,

Ки «Душман, ки афкандӣ акнун куҷост,
Бибояд намудан ба мо[2] роҳ рост».

Бирафтанд ҳар ду ба пеш-андарун,
Дилу ҷони*[3] румӣ пур аз хашму хун.

Чу наздик шуд, рӯи Доро бидид,
Пур аз хун бару рӯй чун шанбалид.

Бифармуд, то бора бугзоштанд,
Ду дастури ӯро нигаҳ доштанд.

Сикандар зи асп андаромад чу бод,
Сари марди хаста ба рон барниҳод.

Нигаҳ кард, то хаста гӯянда ҳаст,
Бимолид бар чеҳри ӯ[4]*[5] ҳар ду даст.

1. ИЛ – душмантро.
2. Л – ман.
3. М – чашми.
4. Л – чеҳрааш.
5. М – рӯи ӯ.

www.sattor.com

Зи сар баргирифт, афсари хусравиш[1],
Кушод аз бар он[2] ҷавшани паҳлавиш[3],

Зи дида биборид бар вай[4] сиришк,
Тани хастаро дид дур аз пизишк.

Бад-ӯ гуфт, к-«Ин бар ту осон шавад,
Дили бадсиголат ҳаросон шавад.

Ту бархезу дар маҳди заррин нишин
В-агар ҳаст нерӯт, бар зин нишин.

Зи Ҳинду зи Румат пизишк оварам,
Зи дарди ту хунин сиришк оварам.

Супорам туро подшоҳиву тахт,
Чу беҳтар шавӣ, мо бубандем рахт.

Ҷафопешагони*[5] туро ҳам кунун
Биёвезам аз дорҳо сарнагун.

Чунон шуд зи пирон шунидем дӯш
Дилам гашт пурхуну лаб пурхурӯш[6].

Ки ҳар ду зи як беҳу[7] пероҳанем,
Ба бешӣ чаро тухмаҳо[3*8] барканем».

Чу бишнид Доро, ба овоз гуфт,
Ки «Ҳамвора бо ту хирад бод ҷуфт.

Бар онам, ки аз пок додори хеш,
Биёбӣ ту подоши гуфтори хеш.

Яке он ки гуфтӣ, ки Эрон туроcт,
Сари тоҷу тахти далерон туроcт,

1. Л – хусравӣ.
2. Л – он бару.
3. Л – паҳлавӣ.
4. ИЛМ – чанде.
5. М – Ситамгорагони.
6. Л – сар пур зи ҷӯш.
7. ИЛМ – Зи як беху як шоху.
8. И – тухмаро.

www.sattor.com

Ба ман марг наздиктар, з-он ки тахт,
Бипардахт тахт аз нагунгашта бахт.

Бар ин аст фарҷоми чархи баланд,
Хиромаш ҳама ранҷу судаш газанд.

Ба мардӣ нигар, то нагӯӣ, ки ман
Фузунам*[1] аз ин номдор анҷуман.

Баду нек ҳар ду зи Яздон шинос
В-аз ӯ дор, то зинда бошӣ, сипос.

Намудори гуфтори ман ман басам,
Бар ин достон ибрати ҳар касам,

Ки чандон бузургиву шоҳиву ганҷ
Маро буду аз ман набуд кас ба ранҷ.

Ҳамон низ чандон силеҳу сипоҳ,
Гаронмоя аспону тахту кулоҳ.

Ҳамон низ фарзанду пайвастагон
Чи пайвастагон? Доғдил, хастагон.

Замину замон банда буд пеши ман
Чунин буд, то бахт буд хеши ман[2].

Зи некӣ ҷудо мондаам з-ин нишон,
Гирифтор дар дасти мардумкушон.

Зи фарзанду хешон шуда ноумед,
Сияҳ шуд ҷаҳон, дидагонам сапед.

Зи хешон касе нест фарёдрас,
Умедам ба Парвардигор аст бас.

Бад-ин гуна хаста ба хок-андарам,
Зи гетӣ ба доми ҳалок-андарам.

Бар ин аст оини чархи равон,
Агар шаҳрёрӣ, агар паҳлавон.

1. М – Будам беш.
2. ТПЗ – Чу аз ман ҳамон бахт бегона шуд.
Ҳама коху айвон чу вайрона шуд.

www.sattor.com

Бузургӣ ба фарҷом ҳам бугзарад,
Шикор асту маргаш ҳаме бишкарад».

Сикандар зи дида буборид хун,
Бар он шоҳи хаста ба хок-андарун.

Чу Доро бидид он зи дил дарди ӯй[1],*[2]
Сиришки равон бар*[3] рухи зарди ӯй[4],

Бад-ӯ гуфт: «Магрӣ, к-аз ин суд нест,
Зи оташ маро баҳра ҷуз дуд нест.

Чунин буд бахшиш зи бахшандаам,
Ҳам аз рӯзгори дурахшандаам.

Ба[5] андарзи ман сар ба сар гӯш дор,
Пазиранда бошу ба дил ҳуш дор».

Сикандар бад-ӯ гуфт: «Фармон туро҅ст,
Бигӯй он чи хоҳӣ, ки паймон туро҅ст».

Забон тез Доро бар ӯ баркушод,
Ҳаме кард сар то сар андарз ёд.

Нахустин чунин гуфт, к-«Эй номдор,
Битарс аз Ҷаҳондовари Кирдигор.

Ки чарху замину замон офарид,
Тавоноиву нотавон офарид.

Нигаҳ кун ба фарзанду пайванди ман,
Ба пӯшидарӯёни дилбанди[6] ман.

Зи ман поктан духтари ман бихоҳ,
Бидораш ба ором дар пешгоҳ.

Куҷо модараш Равшанак ном кард,
Ҷаҳонро бад-ӯ шоду падром кард.

---

1. Л – дилу ройи ӯ.
2. М – ӯ.
3. М – Чу борон сиришк аз.
4. Л – равон ашки хунии саропойи ӯ
5. Л – Ту.
6. ИЛ – пӯшидагони хирадманди.

www.sattor.com

Наёбӣ зи фарзанди ман сарзаниш,
На беғора аз мардуми бадкуниш.

Чу парвардаи шаҳрёрон бувад,
Ба рой афсари номдорон бувад.

Магар з-ӯ бубинӣ яке номдор,
Куҷо нав кунад номи Исфандёр.

Биёрояд ин оташи Зардуҳушт,
Бигирад ҳаме Занду Усто ба мушт.

Нигаҳ дорад ин фолу ҷашни Сада,
Ҳамон фарри Наврӯзу оташкада.

Ҳамон Урмузду ҳамон рӯзи меҳр,
Бишӯяд ба оби хирад ҷону чеҳр,

Кунад тоза оини лӯҳроспӣ,
Бимонад[1] пайи дини гуштоспӣ.

Меҳонро ба меҳ дораду кеҳ ба кеҳ,
Бувад динфурӯзандаву рӯзбеҳ».

Сикандар чунин дод посух бад-ӯй,
Ки «Эй некдил, хусрави ростгӯй,

Пазируфтам ин панду андарзи ту,
Фузун з-ин набошам бад-ин марзи ту.

Ки ин[2] некуиҳо ба ҷой оварам,
Хирадро-бар ин раҳнамой оварам».

Ҷаҳондор дасти Сикандар гирифт,
Ба зорӣ хурӯшидан андар гирифт.

Кафи дасти ӯ бар даҳон барниҳод,
Бад-ӯ гуфт: «Яздон паноҳи ту бод!

Супурдам туро ҷою*[3] рафтам ба хок,
Равонро супурдам ба Яздони пок».

---

1. Л – Биронад.
2. Л – ҳама.
3. М – тахту.

www.sattor.com

Бигуфт ину ҷонаш бaромад зи тан,
Бар ӯ зор гирён шуданд анҷуман.

Сикандар ҳама ҷомаҳо кард чок,
Ба тоҷи каён барпароканд хок.

Яке дахма кардаш ба оини ӯй,
Бар он сон, ки буд фарраву дини ӯй.

Бишустандаш аз хун ба равшан гулоб,
Чу омад-ш ҳангоми ҷовид хоб,

Биёростандаш ба дебои Рум,
Ҳама пайкараш гавҳару зар-ш бум.

Танаш зери кофур шуд нопадид
В-аз он пас касе рӯи Доро надид.

Ба дахма-дарун тахти заррин ниҳод,
Яке бар сараш тоҷи мушкин ниҳод.

Ниҳодаш ба тобути зар-андарун,
Бар ӯ-бар зи мижгон буборид хун.

Чу тобуташ аз ҷой бардоштанд,
Ҳама даст бар даст бугзоштанд.

Сикандар пиёда ба пеш-андарун,
Бузургон ҳама дидаҳо пур зи хун.

Чунин то сутудони Доро бирафт,
Ҳаме пӯст гуфтӣ бар ӯ барбикафт.

Чу бар тахт бинҳод тобути шоҳ,
Бар оини шоҳон баровард роҳ.

Чу пардахт аз он дахмаи арҷманд,
Зи берун бизад дорҳои баланд.

Яке дор бар номи Ҷонусёр,
Дигар ҳамчунон аз дари Моҳёр.

Ду бадхоҳро зинда бар дор кард.
Сари шоҳкушро нагунсор кард.

www.sattor.com

Зи лашкар бирафтанд мардони ҷанг,
Гирифта яке санг ҳар як ба ҷанг,

Бикуштанд бар дорашон зору хор,
Мабодо касе, к-ӯ кушад шаҳрёр.

Чу диданд эрониён, к-ӯ чӣ кард,
Ба*[1] зорӣ бар он шоҳи озодмард[2].

Гирифтанд яксар бар ӯ офарин,
Варо хонданд[3] шаҳрёри замин.

НОМА НАВИШТАНИ ИСКАНДАР НАЗДИ БУЗУРГОНИ ЭРОН

Зи Кирмон кас омад сӯи Исфаҳон,
Ба ҷое, ки буданд аз Эрон меҳон.

Ба наздики пӯшидарӯёни шоҳ,
Биёмад яке марди бодастгоҳ.

Бар эшон дуруди Сикандар бибурд,
Ҳама кори Доро бар эшон шумурд.

Чунин гуфт, к-«Аз марги шоҳони дод
Набошад дили душману дӯст шод.

Бидонед, к-имрӯз Доро манам,
Гар ӯ шуд ниҳон, ошкоро манам.

Фузун аст аз ӯ некуиҳо, ки буд,
Ба тимор дилро набояд шахуд.

Ҳама маргроем шоҳу сипоҳ,
Агар дер монӣ, ҳамин*[4] аст роҳ.

Буна сӯи шаҳри Ситахр оваред,
Ба пайванди мо низ фахр оваред.

1. М – Зи.
2. И –б. 403, 404 нест.
3. Л – бар он номвар.
4. М – монем ин.

www.sattor.com

Ҳамон аст Эрон, ки буд аз нахуст,
Бибошед шодондилу тандуруст».

Набиштанд нома ба ҳар кишваре,
Ба ҳар номдореву ҳар меҳтаре.

Зи Искандари Файлақуси бузург,
Ҷаҳонгиру*[1] бо кинаҷӯён сутург.

Ба назди бузургони солорфаш.
Далерони аспафкану кинакаш,

Сӯи нома аз подшоҳи каён
Сӯи кордонони эрониён.

Чу анбар сари хомаи Чин бишуст,
Сари нома буд офарин аз нахуст,

Бад-он додгар, к-ӯ ҷаҳон офарид,
Ҳамон[2] ошкору ниҳон офарид.

Ду гетӣ падид омад аз кофу нун,
Чаро, на ба фармони ӯ-дар, на чун.

Сипеҳре, ки бинӣ аз ин сон равон,
Ба доноии ӯ бувад то тавон[3].*[4]

Бибошад ба фармони ӯ ҳар чи хост,
Ҳама бандагонему ӯ подшост.

В-аз ӯ бод бар номдорон дуруд,
Бар андозаи ҳар яке барфузуд.

Ҷуз аз некномиву фарҳангу дод,
Зи рафтори гетӣ магиред ёд.

Ба пирӯзӣ - андар ғам омад маро,
Ба сур-андарун мотам омад маро.

1. М – Ҷаҳонҷӯю
2. Л – Басе.
3. И – Ба дониш бар ӯ - бар хирад нотавон.
4. М – Тавонову доно ҷуз ӯро махон.

www.sattor.com

Ба дорандаи офтоби баланд,
Ки бар ҷони Доро наҷустам газанд.

Мар он шоҳро душман аз хона буд,
Яке банда будаш, на бегона буд.

Кунун ёфт бодафраи эзадӣ,
Чу бад сохт, омад ба рӯяш бадӣ.

Шумо дод ҷӯёду фармон кунед,
Равонро ба паймон гаравгон кунед.

Чу хоҳед, к-аз чарх ёбед бахт,
Зи ман бадраву бардаву тоҷу тахт[1].

Пур аз дарди Дорост равшан дилам,
Бикӯшам, к-аз андарзи ӯ нагсилам.

Ҳар он кас, ки ояд бар ин боргоҳ,
Дирам ёбаду арҷу[2] тахту кулоҳ.

Чу хоҳад, ки бошад ба айвони хеш,
Нагардад гурезон зи паймони хеш,

Расонед чизе, ки бояд ба ганҷ
В-аз он пас наёбад касе дарду ранҷ.

Дирамро ба номи Сикандар занед,
Бикӯшеду паймони ӯ нашканед[3].

Нишастангаҳи шаҳрёрони хеш,
Бидоред аз ин пас ба оини пеш.

Мадоред бе дидбон марзи хеш,
Падид оваред андар ин арзи хеш.

---

1. ТПЗ – Бад-ин гуфти ман гӯш доред пок,
Равонро махоҳед ҷои мағок.
2. И – ганҷу.
3. ТПЗЛ – Ки ҳар, к-ӯ зи паймони мо бугзарад,
Бад-ин хубгуфтори* мо награвад,
Гирифториву ранҷ ӯро** сазост.
Ки подоши Эзад мар ӯро ҷазост.
* Л – чарбгуфтори; ** Л – Чу ояд, мар ӯро уқубат.

www.sattor.com

Мадоред бозор бе посбон,
Ки ронад ҳаме номи мо бар забон.

Бад-он то набошад зи дуздон газанд,
Бимонед шодондилу судманд.

Зи ҳар шаҳр зебо парастандае,
Пур аз шарм бедордил бандае,

Ки шояд ба мушкӯи заррини мо,
Бидонад парастидани дини мо,

Чунон, к-ӯ ба рафтан набошад дижам,
Нашояд, ки бар барда бошад ситам.

Фиристед сӯи шабистони мо,
Ба наздики хусравпарастони мо.

Ғарибон, ки бар шаҳри мо бугзаранд,
Чамонанда пою лабон ночаранд,

Дил аз айб софеву сӯфӣ ба ном,
Ба дарвешӣ - андар шуда шодком,

Зи хоҳандагон номашон бар кунед,*[1]
Шумор андар оғози дафтар кунед.

Ҳар он кас, ки ҳаст аз шумо мустаманд,
Кучо ёфт аз кордоре газанд,

Дилу пушти бедодгар бишканед,
Ҳама беху шохаш зи бун барканед[2].

Кунам зинда бар дор бадномро,
Ки гум кард аз оғоз фарҷомро.

Ба доду диҳиш дил тавонгар кунед,
Аз озодагӣ бар сар афсар кунед.

Ки фарҷом ҳам рӯзатон бугзарад,
Замона паи мо ҳаме бишмарад,

---

1. М – сар.
2. ТПЗ – Ниҳонӣ бад-ӯ кор кардан ба рӯй –
Биёбам ҳаме, чун кунам ҷустуҷӯй.

www.sattor.com

Касе, к-ӯ зи фармони мо бугзарад,
Ба фарҷом аз он кор кайфар барад.

Чу нома фиристода шуд, баргирифт,
Ҷаҳоне ба ором дар бар гирифт[1]

Зи Кирмон биёмад ба шаҳри Ситахр,
Ба сар барниҳод он каӣ тоҷи фахр[2].

Ту рози ҷаҳон, то тавонӣ, маҷӯй,
Ки ӯ зуд печад зи ҷӯянда рӯй.

Биёмӯз дониш ту, то эдарӣ,
Ки он ҷо ҳама бар зи дониш х(в)арӣ[3].

1. Л –б. 455 нест.
2. И –б. 456 нест.
3. ИЛ – б. 458 нест.

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ СИКАНДАР
ЧОРДАҲ СОЛ БУД

ОҒОЗИ ДОСТОН

НИШАСТАНИ СИКАНДАР БАР ТАХТИ ЭРОН

Бар он офарин, к-ӯ ҷаҳон офарид,
Замину замону макон офарид,

Ки[1] ором аз ӯй асту ҳам кор[2] аз ӯ,
Ҳам оғоз[3] аз ӯй асту анҷом[4] аз ӯ.

Сипеҳру замону замин они[5] ӯст,
Каму беши гетӣ ба фармони[6] ӯст.

Зи хошоки ночиз то арш рост
Саросар ба ҳастии ӯ-бар гувост.

Ҷуз ӯро махон[7] Кирдгори ҷаҳон,
Шиносандаи ошкору ниҳон.

В-аз ӯ бар равони Муҳаммад дуруд,
Ба ёрон-ш- бар ҳар яке барфузуд.

Сари анҷуман буд зи ёрон Алӣ,
Ки хондаш паямбар[8] Алии валӣ.

Ҳама пок буданду парҳезгор,
Суханҳои ӯ баргузашт аз шумор[9].

1. Л – Ҳам
2. Л – ком
3. Л – анҷом
4. Л – фарҷом.
5. Л – ситора ҳама карда
6. Л – бароварда.
7. Л – мадон.
8. Л – шииш хонад
9. К – Пас аз б. 8 ин б. омада:

Або дигарон мар маро кор нест,
Бад-ин - дар маро роҳи гуфтор нест.
Набошад ба ҷуз бепадар душманаш,
Ки Яздон ба оташ бисӯзад танаш!

www.sattor.com

Кунун бар суханҳо физоиш кунем,
Ҷаҳонофаринро ситоиш кунем.

Ситоем тоҷи шаҳаншоҳро,
Ки бахташ дурахшон кунад моҳро[1].

Ҷаҳондори бобахшишу фарру[2] дод,
Замона ба фармони ӯ гашта[3] шод.

Худованди кӯполу шамшеру ранҷ,
Худованди осониву тоҷу ганҷ,

Хирадманди донову[4] чирасухан,
Ҷавон ӯ[5] ба солу ба дониш куҳан.

Ҷаҳондори бофарру некишинос,
Ки аз тоҷ дорад зи Яздон сипос.

Ҳаме Муштарӣ тобад аз фарри ӯ,
Бинозем дар сояи парри ӯ.

Шаҳаншоҳ Маҳмуди бахшандазар,
Фалак н-оварида чун ӯ тоҷвар[6].

Ба разм осмонро хурӯшон кунад,
Чу базм оядаш, гавҳар афшон кунад.

Чу хашм оварад, кӯҳ резон кунад[7],
Сипеҳр аз бари хок ларзон кунад[8].

Падар бар падар шаҳрёр аст шоҳ,
Бинозад бад-ӯ гунбади ҳуру моҳ[9].

---

1. Л – Пас аз б. 10 ин б. омада:
   Абулқосим он шоҳ Маҳмуд ном,
   Ки аз номи ӯ фахр ҷӯянду ком.
2. Л – Худованди пирӯзиву бахшу
3. Л – ӯй аст.
4. Л – зебову.
5. Л – Ҷавоне.
6. Л – б. 14 – 16 нест.
7. Л – шавад.
8. Л – шавад.
9. Л – б. 19 нест.

www.sattor.com

Бимонод то ҷовидон номи ӯ,
Ҳама меҳтарӣ бод фарҷоми ӯ!

Сари нома кардам санои варо,
Бузургиву оину рои варо[1].

Аз ӯ дидам андар ҷаҳон номи нек,
Зи гетӣ варо бод фарҷоми нек!

Зи дидори ӯ тоҷ равшан шудаст,
Зи бадҳо варо бахт ҷавшан шудаст[2].

Бинозад бад-ӯ мардуми порсо,
Ҳар он, к-ӯ шавад[3] бар замин подшо.

Ҳаво равшан аз борвар[4] бахти ӯст,
Замин номвар пояи тахти ӯст.

Ба рамз- андарун жандапили балост,
Ба базм- андарун осмони вафост.

Чу дар базм рахшон шавад рои[5] ӯ,
Ҳаме мавҷ хезад зи дарёи[6] ӯ.

Ба нахчир шерон шикори ваянд,
Даду дом дар зинҳори ваянд.

Зи овози гурзаш ҳаме рӯзи ҷанг
Бидаррад дили шеру чарми паланг.

Сараш сабз боду дилаш пур зи дод,
Ҷаҳон низ бе афсари[7] ӯ мабод!

Кунун бозгардам сӯи достон,
Ба назм орам аз гуфтаи бостон[8].

1. Л – б. 21 нест.
2. Л – б. 23 нест.
3. Л – кас, ки шуд
4. Л – тобиши.
5. Л – ҷои.
6. Л – мавҷи зар хезад аз пои.
7. Л – бесару афсари.
8. Л- б. 31 нест.

www.sattor.com

Сикандар чу бар тахт биншаст, гуфт,
Ки «Бо ҷони шоҳон хирад бод ҷуфт,

Ки пирӯзгар дар ҷаҳон Эзад аст,
Ҷаҳондор агар з-ӯ натарсад, бад аст.

Баду неки мо[1] бугзарад бегумон,
Раҳоӣ набошад зи чанги замон.

Ҳар он кас, ки ояд бад-ин боргоҳ,
Ки бошад зи мо сӯи мо додхоҳ.

Агар гоҳи бор ояд, ар[2] ними шаб,
Ба посух расад, чун кушояд ду лаб.

Чу пирӯзгар фаррахӣ[3] додамон,
Дари бахти пирӯз[4] бикшодамон.

Ҳама зердастон биёбанд баҳр
Ба кӯҳу биёбону дарёву шаҳр.

Нахоҳем бож аз ҷаҳон панҷ сол,
Ҷуз он кас, ки гӯяд, ки ҳастам ҳамол.

Ба дарвеш бахшем бисёр чиз,
Зи доранда чизе нахоҳем низ».

Чу Искандар ин некуиҳо бигуфт,
Дили подшо гашт бо дод ҷуфт.

Аз Эрон баромад яке офарин
Бад-он додгар шаҳрёри замин.

В-аз он пас пароканда гашт анҷуман,
Ҷаҳондор биншаст бо ройзан.

1. Л- некамон.
2. Л –аз.
3. И-фаррухӣ.
4. пирӯза.

www.sattor.com

НОМАИ ИСКАНДАР НАЗДИ ДИЛОРОЙ МОДАРИ РАВШАНАК

Бифармуд, то пеши ӯ шуд дабир,
Қалам хост румиву чинӣ ҳарир.

Нависанда аз килк чун хома кард,
Сӯи модари Равшанак нома кард,

Ки «Яздон туро музди некон диҳод,
Пас аз дард оромиши[1] ҷон диҳод!

Набиштам яке номае пеш аз ин,
Набишта[2] дар ӯ пандҳо[3] беш аз ин.

Чу ҷуфти туро[*4] рӯз баргашта шуд,
Ба дасти яке банда-бар кушта шуд.

Бар оини шоҳон кафан сохтам,
Зи дарди ҷаҳондор пардохтам.

Басе оштӣ хостам пеши ҷанг,
Накард оштӣ, чун набудаш диранг.

Зи хунаш[5] бупечид ҳам душманаш,
Ба мину расонод Яздон танаш!

Варо додгар ҷои некон диҳод,
Бадандешро заҳри[6] пайкон диҳод!

Наёбад касе чора аз чанги марг,
Чу боди хазон асту мо ҳамчу барг.

Ҷаҳон яксар[7] акнун ба пеши шумост,
Бар андарзи Доро фаровон гувост,

1. И- ӯ ромиши Л- марги шаҳ ромиши
2. Л- Навишта.
3. Л- Дардҳо.
4. М- ҷуфти ту
5. И- б. 48 нест.
6. Л- маргаш.
7. Л- заҳру

www.sattor.com

Ки ӯ Равшанакро ба ман доду гуфт,
Ки чун ӯ[1] набошад[2] туро дар нуҳуфт.

Кунун бо парастандаву доягон,
Аз Эрон бузургону пурмоягон,

Фиристед зудаш ба[3] наздики ман,
Зудояд магар ҷони торики ман.

Бидонед чун пеш буд Исфаҳон,
Ба ҳар сӯ пароканда корогаҳон,

Ҳамон кордорони[4] бошарму дод,
Ки Дорои Доробашон кард ёд[5].

Гар он ҷо нахоҳед, фармон равост,[6]
Ҳама буми[7] Эрон ба пеши шумост.

Дили хешро пурмудоро кунед,
Маро дар ҷаҳон ном Доро кунед».

Сӯи Равшанак ҳамчунон нома кард,[*8]
Суханро гузар бар сари хома кард.[9][*10]

Нахуст офарин кард бар Кирдгор,
Ҷаҳондору донову парвардгор,

Дигар[11] гуфт, к-аз гавҳари подшо
Назояд магар мардуми порсо.

Дилорову борою[12] бонозу[13] шарм,
Сухан гуфтанаш хубу овой нарм.

1. И- ҷумла яксар.
2. ЛМ-наёяд.
3. И – Варо зуд бифрист.
4. Л – Ҳама кордонони.
5. ИЛ- кор дод.
6. И – Гар он ҷо ки хохед, фармон туростъ; Л- В-ар он ҷо нахоҳед, фармон туроcт.
7. ИЛ- шаҳр.
8. И- ҷумла яксар.
9. Л- Зи шоҳи ҷаҳондори худкома кард.
10. М – Зи шоҳи ҷахондори худкомае.
11. И – Чунин.
12. Л – Дилороми боному
13. Л – Дилорои боному борою

www.sattor.com

Падар мар туро пеш моро супурд,
В-аз он пас бишуд, номи неке бибурд.

Чу ой шабистону мушкӯи ман,
Бубинӣ, ту бошӣ ҷаҳонҷӯи ман.

Сари бонувониву зебои тоҷ,
Фурӯзандаи ёраву тахти оҷ.

Набиштем нома бари модарат,
Ки эдар[1] фиристад туро дарх(в)арат[2].

Бар оини[3] фарзанди шоҳаншаҳон,
Ба пеш- андарун мӯбади Исфаҳон.

Парастандаву тоҷу пилону[4] маҳд,
Ҳамонро, ки ту хӯрдӣ з-ӯ[5] ширу шаҳд.

Ба мушкӯи мо бош равшанравон,
Туӣ дар[*6] шабистон сари бонувон.

Ҳамеша дилу шарм ҷуфти ту бод,
Шабистони шоҳон нуҳуфти ту бод![7]

Биёмад яке файласуфе чу гард,
Суханҳои шоҳи ҷаҳон ёд кард.

ПОСУХИ НОМАИ СИКАНДАР АЗ ДИЛОРОЙ

Дилорой чун ин суханҳо шунид,
Яке боди сард аз ҷигар баркашид.

Ба Доро зи дида биборид[8] хун,
Ки буд рехта зери хок- андарун.

1. И- Зи мо
2. Л- ҳаме дарх(в)арат.
3. И- Ба оини
4. ИЛ- Парастандаи тоҷи шоҳону
5. Л- Ҳамоно, ки хӯрдан бувад
6. М –бар
7. ТПЗЛ- Ба коми ту гардод чархи баланд,
   Зи душман танат дуру дур аз газанд.
8. Л- Зи Доро буборид аз дида

www.sattor.com

Нависандаи[1] номаро пеш хонд,
Ҳаме хун зи[2] мижгон ба рух барфишонд.

Мар он номаро зуд посух навишт,
Суханҳои бомағзу фаррух навишт.

Нахуст офарин кард бар додгар[3],
Худованди орому рою ҳунар.[4]

Дигар гуфт, к- «аз кори гардонсипеҳр,[5]
К-аз ӯй аст пархошу орому[6] меҳр,

Ҳама фарри Доро ҳаме хостем,
Забонро ба номи вай оростем.

Кунун чун замони вай андаргузашт,
Сари гоҳи ӯ чӯби тобут гашт.

Туро хоҳам андар ҷаҳон некувӣ,
Бузургиву пирӯзиву хусравӣ,

Ба коми ту хоҳам, ки бошад ҷаҳон,
Бар ин ошкоро надорам[7] ниҳон.

Шунидам ҳама ҳар чӣ гуфтӣ ба[8] меҳр,
Ки аз ҷони ту шод бодо сипеҳр.

Аз он дахма Дорову[9] аз[10] Моҳёр,
Мукофоти бадхоҳ Ҷонусёр.

Чу хуни худованд резад касе,
Ба гетӣ дирангаш набошад[11] басе.

1. И- Набисандаи
2. И- Хуни
3. Л – Кирдгор,
4. Л – Парвардигор: И – аврангу Парвардигор
5. ЛМ – Кирдигори сипеҳр,
6. Л – орому пархошу
7. Л – надонам
8. И – кардӣ зи
9. И-Аз он дахмаву дору
10. Л- дахмаву дору зи
11. И – наёяд

www.sattor.com

Дигар он, ки ҷустӣ ҳама оштӣ,
Басе[1] рӯз бо панд бугзоштӣ.

Набояд[2] зи шоҳон парастандагӣ,
Наҷӯяд кас аз тоҷвар бандагӣ.

Ба ҷои шаҳаншоҳ Доро[3] туӣ,
Чу хуршед шуд, моҳ моро туӣ.

Мабодо зи гетӣ ҷуз аз коми ту.
Ҳамеша[4] бар айвонҳо[5] номи ту.

Дигар он ки аз Равшанак ёд кард,
Дили мо бад- он орзу шод кард.

Парастандаи туст,[6] мо бандаем,
Ба фармону роят сар афкандем

Дурудат фиристоду посух навишт[7]
Яке нома чун бӯстони биҳишт.

Чу шоҳи замона туро баргузид,
Сар аз рӯи ӯ кас наёрад кашид.

Набиштем нома сӯи меҳтарон,
Ба паҳлав, бузургону ҷанговарон,

Ки фармони Дорост фармони ту,
Напечад касе сар зи паймони ту.

Фиристодаро бардаву бадра дод,
Зи ганҷаш зи[8] ҳар гунае баҳра дод.

Чу румӣ ба назди Сикандар расид,
Ҳама ёд кард, он чи диду шунид.

1. И-Ҳама.
2. Л-Наёяд.
3. Л – гоҳи шаҳаншоҳ моро
4. И – Набишта
5. Л – ба девонҳо
6. Л – тусту
7. И – набишт
8. Л – ба.

www.sattor.com

Аз он тахту оину он боргоҳ,
Ту гуфтӣ, ки зиндаст бар гоҳ шоҳ.

Сикандар зи гуфтори ӯ гашт шод,
Ба ором тоҷи каӣ[1] барниҳод.[2]

БА ЗАНӢ ГИРИФТАНИ СИКАНДАР РАВШАНАКРО

Зи Аммурия модарашро бихонд,
Чу омад, суханҳои Доро биронд.

Бад-ӯ гуфт: «Назди Дилорой шав,
Ба хубӣ[*3] бипайванд[4] гуфтори нав.

Ба парда- дарун Равшанакро бубин,
Чу дидӣ, зи мо кун ҳазор[5] офарин.

Бубар тавқ бо ёраву гӯшвор,
Яке тоҷи пургавҳари шоҳвор.

Сад астар[6] зи густурданиҳо бубар,
Даҳ уштур[7] ба дебои румӣ ба зар.

Ҳам аз ганҷу динор чун сӣ ҳазор,
Ба бадра-дарун[8] кун зи баҳри нисор.

Зи румӣ чу[9] сесад канизак бубар,
В-агар бештар боядат, бештар.

Яке ҷом деҳ ҳар якеро ба даст,
Бар оини хубони хусравпараст.

Ту бо хештан ходимон бар ба роҳ,
Зи роҳу зи оини шоҳон макоҳ.[10]

---

1. И – гуҳар
2. Л – шуд тоҷ, бар сар ниҳод.
3. М - чарбӣ
4. И – Ба хубиву пайванд
5. ИЛ – бар ӯ
6. ЛМ – уштур
7. Л – астар
8. Л – дар ӯ
9. Л – ду
10. ТПЗ – Чунон к-ӯ бифармуд, он соз кард,
Пас он гаҳ раҳи рафтан оғоз кард.

www.sattor.com

Бишуд модари шоҳ бо тарҷумон,
Даҳ аз файласуфони ширинзабон.

Чу омад ба наздики шаҳр[1] Исфаҳон
Пазира шудандаш фаровон меҳон.

Биёмад зи айвон Дилорой пеш,
Худу номдорон ба оини хеш.

Ба даҳлез[2] карданд чандин нисор,
Ки бар чашми мардум[3] дирам гашт хор,

Ба айвон нишастанд бо ройзан,
Ҳама номдорон шуданд анҷуман.

Дилорой бархост чандон ҷиҳез,
Ки шуд дар ҷаҳон рӯи бозор тез.

Шутур дар шутур буд[4] фарсангҳо,[5]
Зи заррину симину аз рангҳо.[6]

Зи пӯшиданиҳову густурданӣ,
Зи афканданиву парокандaнӣ,

Зи аспони тозӣ ба зарринситом,
Зи шамшери ҳиндӣ ба зарринним.

Зи хафтону аз хӯду баргустувон,
Зи кӯполи заррину гурзи гарон[7].

Чи ҷома бурида, чи аз нобурид,
Ки кас[8] дар ҷаҳон бештар з-он надид[9].

1. Л – ба наздикии
2. Л- дарвоза.
3. И- чашм ганчу
4. И- дошт.
5. Л – ёфт бозорҳо
6. И- симин пур аз зангҳо. Л- симин ба хирворҳо.
7. Л- Зи кӯпол в-аз ханҷари ҳиндувон.
8. Л- касе.
9. ТПЗЛ – Чи аз уду анбар або мушки ноб,
Ки омад аз он бар бадандеш тоб.

www.sattor.com

Зи айвон парастандагон хостанд,
Чиҳил маҳди заррин биёростанд.

Яке маҳд бо чатру[1] бо ходимон,
Нишаст андар ӯ[2] Равшанак шодмон.

Зи кохи Дилорой то ними роҳ
Гуҳар буду дебову аспу кулоҳ.[3]

Чу шуд Равшанак сӯи шаҳри Ситахр,
Пазира шудаш, ҳар кӣ будиш фахр[4].

Бубастанд озин[5] ба шаҳр андарун
Пур аз ханда лабҳову дил пур зи хун.

Бар он чатри дебо дирам рехтанд,
Зи бар мушки соро ҳаме бехтанд.

Чу моҳ андаромад ба мушкуи шоҳ,
Сикандар бад-ӯ[6] кард чанде нигоҳ.

Бад-он бурзболову он хубчеҳр,
Ту гуфтӣ, хирад парварида ба меҳр.

Чу модар-ш бар тахти заррин нишонд,
Сикандар бар ӯ-бар ҳаме ҷон фишонд.

Нишаста ба як ҳафта бо ӯ ба ҳам,
Ҳаме рой зад шоҳ бар бешу кам.

Аз ӯ ҷуз бузургиву оҳистагӣ,
Хирадмандиву шарму шоистагӣ–

Нигаҳ кард бедору[7] чизе надид,
Дилаш меҳру пайванди ӯ баргузид.

Бибурданд аз Эрон фаровон нисор
Зи динору аз гавҳари шоҳвор.

1. – бо чатр,
2. И- Нишаста дар ӯ
3. ИЛ – динору аспи сиёҳ.
4. Л- б. 125 нест.
5. Л- оин
6. Л- дар ӯ
7. Л- пайдову.

www.sattor.com

Ҳама шаҳри Эрону Тӯрону Чин
Ба шоҳӣ бар ӯ хонданд офарин.

Ҳама рӯи гетӣ пур аз дод шуд,
Ба ҳар ҷой вайронӣ обод шуд.

ХОБ ДИДАНИ КАЙД ПОДШОҲИ ҚАННУҶ

Чунин гуфт гӯяндаи паҳлавӣ,
Шигифт оядат, к-ин сухан бишнавӣ.

Яке шоҳ[1] буд Ҳиндро, Кайд ном,
Хирадманду бинодилу шодком.

Дили бихрадон дошту мағзи[2] радон,
Нишасти каён, фарраи мӯбадон.

Дамодам ба даҳ шаб паси якдигар
Ҳаме хоб дид, ин шигифтӣ нигар.

Ба Ҳиндустон ҳар кӣ доно буданд,
Ба гуфтору дониш тавоно буданд,

Бифармуд, то сохтанд анҷуман,
Ҳар он кас, ки доно буду ройзан.

Ҳама хобҳо пеши эшон бигуфт,
Нуҳуфта падид оварид аз нуҳуфт.

Кас онро гузориш надонист кард,
Пурандешашон шуд дилу рӯй зард.

Яке гуфт бо Кайд к-«Эй шаҳрёр,
Хирадманду аз[3] меҳтарон ёдгор.

Яке номдор[4] аст, Меҳрон ба ном,
Ба гетӣ зи[5] дониш расида ба ком.

1. 1 И – Ки як шоҳ
2. Л – ройи.
3. И – Хирманд в-аз
4. Л – ёдгор.
5. Л – Зи гетӣ ба

www.sattor.com

Ба шаҳр-андараш хӯрду ором нест,
Нишастан-ш ҷуз бо даду дом[1] нест.

Зи тухми гиёҳони кӯҳӣ х(в)арад,
Чу моро ба мардум ҳаме нашмарад.

Нишастан-ш бо гурму[2] оҳу бувад,
Зи орому[3] мардум ба як сӯ бувад.

Зи гетӣ ба[4] чизе наёбад газанд,
Парастанда мардеву бахте баланд.[5]

Чунин гуфт бо донишӣ Кайдшоҳ,
К-аз ин пурҳунар бугзарӣ, нест роҳ.

Ҳам он гаҳ ба асп андаровард пой,
Ба овози Меҳрон баромад зи ҷой.

Ҳакимон бирафтанд бо ӯ ба ҳам,
Бад-он то набошад сипаҳбад дижам.

Сипаҳдор[6] чун назди Меҳрон расид,
Бипурсид донандаро, чун сазид[7].

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй марди яздонпараст,
Ки дар кӯҳ бо гӯр дорӣ нишаст.

Ба жарфӣ бад-ин хоби ман гӯш[8] дор,
Гузориш кун инрову ҳам ҳуш[9] дор.

Чунон дон, ки як шаб хирадманду пок
Бихуфтам ба ором бе тарсу бок[10].

1. ИЛ - хобу
2. Л- гӯру
3. ИЛ - ороми
4. Л – Ба гетӣ зи
5. Л- Пас аз б. 150 ин б. омада:
   Мар ин хобҳоро ба ҷуз пеши ӯй
   Бигӯю зи нодон гузориш маҷӯй
6. ИЛ- Чаҳондор
7. Л- бидид
8. Л – бар ин хоби ман ҳуш
9. Л- куну як ба як гӯш
10. ТПЗ – На андеша дар дил, на дар сар шитоб,
   На бо ман касе буд дар ҷои хоб.

www.sattor.com

Яке хона дидам чу кохи баланд[1],
Бад-ӯ-андарун жандапили нажанд[2].

Дари хона пайдо на аз кох буд,
Ба пеш андарун танг сӯрох буд.

Гузаштӣ зи сӯрох пили жиён,
Танашро зи тангӣ наёмад[3] зиён.

Зи равзан гузаштӣ тани шуми ӯй,
Бимондӣ бад-он хона хартуми ӯй.

Дигар шаб бад-он гуна дидам, ки тахт
Тиҳӣ мондӣ аз яке[4] некбахт.

Касе барнишастӣ бар он тахти оҷ,
Ба сар барниҳода дилафрӯз тоҷ.

Се дигар шаб омад ба хобам шитоб,
Яке нағз карбос дидам ба хоб.

Бад-ӯ андаровехта чор мард,
Рухон аз кашидан шуда лоҷвард.[5]

На карбос ҷое дарид аз гурӯҳ,
На мардум шудӣ з-он кашидан сутӯҳ.

Чаҳорум чунин[6] дидам, эй номдор,
Ки марде будӣ ташна бар ҷӯйбор.

Ҳаме об моҳӣ бар ӯ[7] рехтӣ,
Сари[8] ташна аз об бугрехтӣ.

Гузашта зи шаб нимае бештар,
Валекин набуд низ гоҳи саҳар.

1. ИЛ- бузург,
2. Л – сутург.
3. И – накардӣ
4. Л – хусрави
5. Л – ложвард.
6. ИЛ – чунон
7. Л – бурун
8. Л – Басе

www.sattor.com

Ҷаҳон марду об аз паси ӯ дамон,[1]
Чӣ гӯяд бад-ин хоб некигумон?[2]

Ба панҷум чунон дид ҷонам ба хоб,
Ки шаҳре будӣ танг[3] наздики об.

Ҳама мардумаш кӯр будӣ ба чашм,
Якеро зи кӯрӣ надидам[4] ба хашм.

Зи доду диҳиш в-аз хариду фурӯхт,
Ту гуфтӣ ҳама шорсон барфурӯхт.

Шашум дидам, эй меҳтари арҷманд,
Ки шаҳре будандӣ ҳама дардманд.

Шудандӣ ба пурсидани тандуруст,
Гирифтандӣ ӯро ба пурсиш нахуст[5],

Ки чунӣ бад-ин сон[6] ба дард-андарун,
Тане дардманду диле пур зи хун?

Расида ба лаб ҷони нотандуруст,[7]
Ҳаме чораи дардмандон[8] биҷуст.[9]

Чу ниме зи ҳафтум шаб[10] андаргузашт,
Чаманда яке асп[11] дидам ба дашт.

Ду пою ду дасту ду сар доштӣ,
Ба дандон гиё тез бардоштӣ.

Чарон[12] доштӣ аз дурӯя даҳан,
Набуд бар танаш роҳи берун шудан.

1. Л – давон,
2. Л – равшанравон?
3. ИЛ – нек
4. эшон надидӣ
5. И - Ҳаме чораи тандурустон дуруст.
6. ЛМ - Ҳаме гуфт чунӣ
7. Л - ҷону мо тандуруст,
8. Л - тандурустон
9. И - Байти 175, 176 нест.
10. И - тирашаб
11. И - Ҷаҳанда яке асб
12. Л - Чаро

www.sattor.com

Ба ҳаштум се хум дидам, эй покдин,
Баробар ниҳода ба рӯи замин.

Ду пуробу хумме тиҳӣ дар миён,
Гузашта ба хушкӣ - бар ӯ солиён.

Зи ду хумми пуроб ду некмард
Ҳаме рехтандӣ ҳаме[1] оби сард.

На аз рехтан з-он дувон[2] кам шудӣ,
На он хушкро лаб[3] пур аз нам шудӣ.

Нуҳум шаб яке гов дидам ба хоб,
Бар обу гиё хуфта дар офтоб.

Яке хурдгӯсола дар пеши ӯй,
Танаш лоғару хушку беоб рӯй.

Ҳаме шир хӯрдӣ аз ӯ модагов,
Калон гову гӯсола[4] бетӯшу тов.

Агар гӯш дорӣ ба хоби даҳум,
Наранҷӣ ҳаме, то бар ин сар ниҳам.

Яке чашма дидам ба даште фарох,
Мар он чашмаро ҳар сӯе роҳу шох.[*5]

Ҳама дашт яксар пур аз обу нам,
Зи хушкӣ лаби чашма гашта дижам.

Сазад, гар ба посух бигӯӣ ниҳон,[6]
К-аз ин пас чӣ хоҳад будан дар[7] ҷаҳон.

ПОСУХ ДОДАНИ МЕҲРОН КАЙДРО

Чу бишнид Меҳрон зи Кайд ин сухун,
Бад-ӯ гуфт: «Аз ин хоб дил бад макун.

---

1. Л - рехтанд андар ӯ
2. Л - ин дувон; И - дигар он
3. ИЛ - дил
4. Ҳамон говгӯсола
5. М – В-аз ӯ бар забар бурда айвону кох
6. И – кушоӣ забон
7. И – буд андар

www.sattor.com

На камтар шавад бар ту номи баланд,
На ояд бар ин подшоҳӣ газанд.

Сикандар биёрад сипоҳи гарон,
Зи Руму зи Эрон гузидасарон.

Чу хоҳӣ, ки бошад туро обрӯй,
Хирад ёр кун, ҷанги ӯро маҷӯй.

Туро чор чиз аст андар[1] ҷаҳон,
Касе он надид аз кеҳону меҳон.[2]

Яке чун биҳишти барин духтарат,
К-аз ӯ тобад андар замин[3] афсарат.[4]

Дигар файласуфе, ки дорӣ ниҳон,
Бигӯяд ҳама бо ту рози ҷаҳон.

Се дигар пизишке, ки ҳаст арҷманд,
Ба донандагӣ ном карда баланд.

Чаҳорум қадаҳ, к-андар ӯ резӣ об,
На з-оташ шавад гарму на з-офтоб.

Зи хӯрдан нагирад камӣ оби ӯй,
Бад-ин чизҳо рост кун[5] тоби ӯй.

Чу ояд, бар ин бошу масгол ҷанг,
Чу хоҳӣ, ки эдар насозад[6] диранг.

Басанда набошӣ ту бо лашкараш,
На бо чораву ганҷу бо кишвараш.

Чу бар кори ту ройи фаррух ниҳам,
Ҳамон хобро низ посух диҳам.

1. Л – к-андар
2. Л – ошкору ниҳон.
3. И – ҷаҳон.
4. Л – аҳтарат.
5. И- кам шавад кӯшишу
6. И – ояд надорад

www.sattor.com

Яке хона дидиву сӯрохи танг,
К-аз он пил берун шудӣ бедиранг.[1]

Ту он хонаро ҳамчу гетӣ шинос,
Ҳамон пил шоҳе бувад носипос,

Ки бедодгар бошаду кажжгӯй,
Ҷуз аз ном шоҳӣ набошад бад-ӯй.[2]

Дувум он чи дидӣ ту аз тоҷу тахт,
К-аз ӯ шуд яке, дигар омад зи бахт.

Ҳамон аст, к-ин вожгуна ҷаҳон
Якеро барад, дигар орад давон.[3]

Ба дил сифла бошад, ба тан нотавон,
Ба озандарун тезу тира равон.

Куҷо зердастон-ш бошанд шод,
Пур аз ғам дили шоҳу лаб пур зи бод.[4]

Дигар он ки дидӣ ту карбоси нағз,
Гирифта варо чор покизамағз,

На карбоси нағз аз кашидан дарид,
На омад сутӯҳ, он ки ӯро кашид.

Ту карбосро дини Яздон шинос,
Кашанда чаҳор омад аз баҳри пос.

Яке дини деҳқони оташпараст,
Ки бе бож барсам нагирад ба даст.

Дигар дини Мӯсо, ки хонӣ ҷуҳуд,
Ки гӯяд ҷуз инро[5] нашоядситуд.

---

1. ТПЗ – Магар он ки хартум мондӣ ба ҷой,
Шунав зуд посух зи посухсарой.
2. Л – Пас аз б. 206 ин б. омада:
Аз ин пас биёяд яке подшо,
Танаш сусту бесуду нопорсо.
3. ИЛ – б. 207, 208 нест
4. ТП – Саранҷом чун бугзарад номи ӯй,
Ба зиштӣ бимонад ба фарҷом ӯй.
5. Л – ин дин

www.sattor.com

Дигар дини юнонӣ он порсо,
Ки дод оварад дар дили подшо.

Чаҳорум зи тозӣ яке дини пок,[1]
Сари ҳушмандон барорад зи хок.[2]

Ҳаме баркашанд ин аз он, он аз ин,
Шаванд он замон душман аз баҳри дин.

Аз ин пас биёяд яке номдор,
Зи дашти саворони найзагузор.[3]

Яке марди покизаи некхӯй,[4]
Бад-ӯ дини Яздон шавад чорсӯй.

Дигар ташна, к-ӯ омад[5] аз оби х(в)аш
Гурезону моҳӣ варо обкаш.

Замоне биёяд, ки покизамард
Шавад хор, чун оби дониш[6] бих(в)ард.

Ба кирдори моҳӣ ба дарё шавад,
Сари бадкуниш бар Сурайё шавад.

Ҳама ташнагонро бихонад ба об,
Кас ӯро ба дониш насозад ҷавоб.

Гурезон[7] аз он марди донишпажӯҳ,
Кушоянд лабҳо ба бад ҳамгурӯҳ.[8]

Ба панҷум ки дидӣ яке шорсон,
Бад-ӯ андарун сохта корсон.

Пур аз хӯрду доду хариду фурӯхт,
Ту гуфтӣ замон чашми эшон бидӯхт,

---

1. Л – биёяд ҳамин покрой.
2. Л – ҷой;
   ТПЗЛ – Чунон чорсӯ аз пайи порсо,
   Кашиданд аз он гуна карбосро.
3. И – б. 219 нест.
4. И – покизаву нағзхӯй
5. Л – ташнае к-ӯ сар
6. Л – ӯро
7. И – гурезанд.
8. И – бадгурӯҳ.

www.sattor.com

Зи кӯрӣ яке дигареро надид,
Ҳаме ин бар он, он бар ин нангарид.

Замоне биёяд, к-аз он сон бувад,[1]
Ки доно парастори нодон бувад.[2]

Парешон[3] бувад донишуманду хор,
Дарахти хурӯшон[4] наёяд ба бор.

Ситояндаи марди нодон шаванд,
Ситоишкунон пеши[*5] эшон шаванд.

Ҳаме донад он кас, ки гӯяд дурӯғ,
Ҳаме з-он парастиш нагирад[6] фурӯғ,

Шашум он куҷо рафт бемори суст
Ба пурсидани як гурӯҳ тандуруст.

Замоне биёяд, ки дарвеши зор
Шавад хоб бар чашми динордор.

Ба бечорагӣ гирди дорои чиз
Ҳаме гардаду чиз надҳанд низ.

Шавад ройгони парастандае,
Ва ё бебаҳое яке бандае.

Ба ҳафтум, ки[7] дидӣ бар аспе дусар,
Хуришро набуд бар танаш раҳгузар.[8]

Замоне биёяд, ки мардум ба чиз
Шавад шоду серӣ наёяд-ш низ.

На дарвеш ёбад аз ӯ баҳрае,
На донишпажӯҳеву на шӯҳрае.

---

1. И – к-аз ин сон шавад.
2. И – шавад.
3. Л – Бар он сон
4. Л – хирадшон
5. М - назди
6. Л – начӯяд
7. ИЛ – Шашум он, ки
8. И – Хуришро набудӣ бар ӯ раҳгузар; Л – аз танаш раҳгузар.

www.sattor.com

Ҷуз аз хештанро нахоҳанду бас,
Касеро набошанд фарёдрас.

Ба ҳаштум,[1] ки пур -об дидӣ се[2] хум,
Яке з-ӯ тиҳӣ монда буд[3] то ба дум.

Ду аз оби равшан[4] саросар будӣ,
Миёна яке хушку нотар[5] будӣ,

Аз ин пас биёяд яке рӯзгор,
Ки дарвеш гардад чунон сусту хор,

Ки гар абр гардад баҳорон пуроб,
Зи дарвеш пинҳон кунад офтоб.

Наборад бар ӯ низ[6] борони хеш,
Дили марди дарвеш аз дард[7] реш.

Тавонгар бубахшад ҳаме ин бад-он,
Яке бо дигар чарбу ширинзабон.

Шавад марди дарвеш з-ӯ хушклаб,
Ҳаме рӯзро бугзаронад ба шаб.

Нуҳум он, ки гове чунон тандуруст,
Зи гӯсолаи лоғар ӯ шир ҷуст.

Чу кайвон ба бурҷи тарозу шавад,
Ҷаҳон зери нерӯи бозу шавад.

Шавад кори[8] бемордарвеш суст,
В-аз ӯ чиз хоҳад ҳаме тандуруст.

На ҳаргиз кушояд бар ӯ[9] ганҷи хеш,
На з-ӯ боздорад ҳаме[10] ранҷи хеш.

1. Л – ҳафтум,
2. Л – ду.
3. Л – сар
4. Л – обдонам; И – пуроб доим
5. И – хушк бебар
6. Л – бад-ӯ тез
7. Л – з-ӯ гашта
8. Л – гову
9. Л – сари
10. Л – ба тан

www.sattor.com

Даҳум[1] чашмае дидӣ аз оби хушк,
Ба гирд- андараш обҳои чу мушк.

На з-ӯ бардамидӣ яке равшан об,
На об обҳоро гирифтӣ шитоб.

Азин пас яке рӯзгоре бувад,[2]
Ки андар ҷаҳон шаҳрёре бувад,[3]

Ки дониш набошад ба наздики ӯй,
Пур аз ғам бувад ҷони торики ӯй.

Ҷаҳон сарбасар тира аз ранҷи ӯй,
Зи некӣ тиҳӣ солу маҳ ганҷи ӯй.[4]

Ҳаме ҳар замон нав кунад лашкаре,
Ки созад аз ӯ номдор афсаре.

Саранҷом лашкар намонад, на шоҳ,
Биёяд навоин яке пешгоҳ,

К-аз ӯ гардад эмин ҷаҳон аз бадӣ,
Битобад аз ӯ фарраи эзадӣ.[5]

Кунун ин замон рӯзи[6] Искандар аст,
Ки бар тораки меҳтарон афсар аст.

Чу ояд, бад-ӯ деҳ ту ин чор чиз,
Бар онам, ки чизе нахоҳанд низ.

Чу хушнуд дорӣ варо, бугзарад,
Ки донишпажӯҳ асту дорад хирад.

Зи шоҳони гетӣ чун ӯ кас мадон,
На аз бихрадону на аз мӯбадон.

Ба рою ба дониш ба фарру ҳунар,
Ба ҳар кор ҳар ҷой пирӯзгар».[7]

1. Л – Дигар
2. И – биёяд яке рӯзгор.
3. И – Ки бошад ба гетӣ яке шаҳриёр.
4. Л – монда он ганҷи ӯй.
5. ИЛ – б. 259 нест.
6. Л – даври
7. ИЛ – б. 263, 264 нест.

www.sattor.com

Зи Меҳрон чу бишнид Кайд ин сухан,
Бар ӯ тоза шуд рӯзгори куҳан.

Биёмад, сару чашми ӯ бӯс[1] дод,
Дилором, пирӯз баргашту[2] шод.

Зи наздики доно чу баргашт шоҳ,
Ҳакимон бирафтанд бо ӯ ба роҳ.[3]

ЛАШКАР КАШИДАНИ СИКАНДАР СӮИ КАЙД

Сикандар чу кард андар Эрон нигоҳ,
Бидонист, к-ӯро шуд ин боргоҳ.[4]

Сӯи кайди ҳиндӣ сипаҳ баркашид,
Ҳама роҳу бероҳ лашкар кашид.

Ба ҷое ки омад Сикандар фароз,
Дари шорсонро кушоданд боз.

Аз он марз касро ба мардум надошт,
Зи Ноҳид миғфар ҳаме барфарошт.

Чу омад бад-он шорсони бузург,
Ки милод хондиш Кайди сутург.

Дар он[5] марз лашкар фуруд оварид,
Ҳама буми эшон сипаҳ густарид.

Нависандаи номаро хонданд,
Ба пеши Сикандар-ш биншонданд[6].

Яке нома бинвишт наздики Кайд,
Чу шере, ки арғунда гардад зи[7] сайд.

1. ИЛ – бӯса
2. И – Дилорому пирӯз баргашт,
3. ТПЗЛ – Биёмад ҳамон гаҳ ба ороми хеш,
Пароканд гирди ҷаҳон номи хеш.
4. ИЛ - тоҷгоҳ
5. Л – Бад-он
6. И – б. 273 нест.
7. Л – ғурранда гардад ба

www.sattor.com

Зи Искандари роду пирӯзгар,[1]
Худованди шамшеру ному гуҳар[2]

Сари нома кард офарин аз нахуст,
Бад-он кас, ки дилро ба дониш бишуст,

Зи кор он гузинад, ки беранҷтар,
Чу хоҳад, ки бардорад аз ранҷ бар.

Гироянда бошад ба Яздони пок,
Аз ӯ[3] дорад уммеду з-ӯ тарсу бок.

Бидонад, ки мо[4] тахтро мояем,
Ҷаҳондори пирӯзро сояем.[5]

Навиштам яке нома наздики ту,
Ки равшан кунад ҷони торики ту.

Бад[6]-он гаҳ,[*7] ки бар ту бихонад дабир,
Манеҳ[8] пешу инро сиголиш магир.

Агар шаб расад, равшаниро мапой,
Ҳам андар замон сӯи фармон гирой.

В-агар бугзарӣ, з-ин сухан нагзарам,[9]
Сару тахту тоҷат ба пай биспарам!

ПОСУХИ НОМАИ СИКАНДАР АЗ КАЙДИ ҲИНДӢ ВА МУЖДА ФИРИСТОДАНИ ЧАҲОР ЧИЗИ ШИГИФТ

Чу нома бари Кайди ҳиндӣ расид,
Фиристодаи подшоро бидид.

Фаровон-ш бистуду бинвохташ,
Ба некӣ бари хеш биншохташ.

1. ИЛ – роди пирӯзгар,
2. ИЛ – тоҷу камар
3. И – Бад-ӯ
4. И – то
5. И – Ба шоҳаншаҳӣ бартарин пояем.
6. Л – Ҳар он гаҳ
7. М – Ҳамон гаҳ
8. Л – Бинеҳ
9. Л – бугзарам.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт: «Шодам ба фармони ӯй,
Замоне нагардам зи паймони ӯй.[1]

Валекин бад-ин гуна носохта.
Наёям[2] дамон гардан афрохта.

Наёяд писанди ҷаҳонофарин,
На наздики он[3] подшоҳи замин,

Ҳамон гаҳ бифармуд, то шуд дабир,
Қалам хост ҳиндиву чинӣ[4] ҳарир.

Мар он номаро зуд посух навишт,
Биёрост бар сони боғи биҳишт.

Нахуст офарин кард бар кирдгор,
Худованди пирӯзиву рӯзгор.[5]

Худованди бахшандаву додгар,
Худованди мардиву доду[6] ҳунар.

Дигар гуфт к-«Аз[7] номвар подшо,
Напечад сари мардуми порсо.

Нашояд, ки дорем чизе дареғ
Зи дорандаи лашкари тоҷу теғ.

Маро чор чиз аст, к-андар ҷаҳон
Касеро набуд ошкору ниҳон.

Набошад касеро пас аз ман ба[8] низ
Бад-ин гуна андар ҷаҳон чор чиз.

Фиристам, чу фармоядам пеши ӯй
В-аз он тоза гардад дилу кеши ӯй.

1. Л – б. 285 – 287 нест.
2. ИЛ – Биёям.
3. Л – шоистаи
4. И – чиниву румӣ
5. Л – пирӯз Парвардгор; И – пирӯзу парвардгор.
6. ИЛ - ҳушу
7. ИЛ – гар
8. ИЛ - на

www.sattor.com

В-аз он пас чу фармоядам шаҳрёр,
Биёям, парастиш кунам бандавор.

БОЗ ФИРИСТОДАНИ СИКАНДАР ФИРИСТОДАРО БАРОИ ДАРЁФТАНИ ҶАҲОР ЧИЗИ ШИГИФТ

Фиристода омад ба кирдори бод,
Бигуфт, он чи бишниду нома бидод.

Сикандар фиристодаро гуфт: «Рав,
Ба наздики он номвар бозшав.

Бигӯяш, ки он чист, к-андар ҷаҳон
Касеро набуд ошкору ниҳон,

Ки дидем худ буданӣ, ҳар чӣ буд,
Сипеҳр офариниш нахоҳад фузуд».

Биёмад фиристода аз назди шоҳ,
Ба кирдори оташ бипаймуд роҳ.

Чунин гуфт бо Кайд, к-«он чор чиз,
Ки касро ба гетӣ набудаст низ,

Ҳаме шоҳ хоҳад, ки донад, ки чист,
Ки нодиданӣ, ё ки нобуданист.[1]

Чу бишнид Кайд он, зи бегона ҷой,
Бипардахту биншаст бо раҳнамой,

Фиристодаро пеш биншохтанд,[2]
Зи ҳар дар фаровон-ш бинвохтанд.[3]

В-аз он пас фиристодаро шоҳ гуфт,
Ки ман[4] духтаре дорам андар нуҳуфт,

Ки гар бинадаш офтоби баланд,
Шавад тира аз рӯи он арҷманд.

1. Л – пок бо буданист.
2. Л – биншохташ,
3. Л – бинвохташ; И – Сазовори ӯ ҷойгаҳ сохтанд.
4. Л – Яке

www.sattor.com

Каманд аст гесӯш ҳамранги қир,
Ҳаме ояд аз ду лабаш[1] бӯи шир.

Хам орад зи болои ӯ сарвбун,
Дур афшон кунад, чун сарояд[2] сухун.

Зи дидори чеҳраш хирад бугзарад,
Ҳаме дониши ӯ хирад парварад.

Чу хомӯш бувад[3], ҷои шарм асту бас,
Чунин дар замона надидаст кас.

Сипаҳбаднажод асту[4] яздонпараст,
Дили[5] шарму парҳез дорад ба даст.

Яке ҷом дорам, ки пурмай кунӣ,
В-агар оби сард андар ӯ афканӣ,

Ба ду рӯз[6] агар бо надимон ба ҳам
Нишинӣ,[7] нагардад май аз ҷом кам.

Ҳамат май диҳад ҷому ҳам оби сард,
Шигифт он ки каммӣ нагирад зи х (в) ард.

Севум он ки дорам яке нав пизишк,
Ки иллат бигӯяд, чу бинад сиришк.

Агар бошад ӯ солиён пеши гоҳ,
Зи дарде напечад ҷаҳондор шоҳ.

Чаҳорум, ниҳон дорам аз анҷуман,
Яке файласуф аст наздики ман.

Ҳама буданиҳо бигӯяд ба шоҳ,
Зи гарданда хуршеду рахшанда моҳ.

1. И – оядаш аз лабон
2. Л – Сарафшон кунад чун бигӯяд
3. Л – шавад,
4. Л – аст
5. И – Ба дил
6. ИЛ – даҳ сол
7. Л – Бинӯшад; И - Нишастӣ

www.sattor.com

Фиристодаи номвар бозгашт,
Бад-он роҳ[1] бо бод анбоз[2] гашт.

Биёмад ба пеши Сикандар, бигуфт,
Дили шоҳи гетӣ чу гул баршукуфт.

Бад-ӯ гуфт: «Агар бошад ин гуфта[3] рост,
Бар ин чор чиз ин ҷаҳонро баҳост.

Чу инҳо[4] фиристад ба наздики ман,
Дурахшон кунад ҷони торики ман,

Бару буми ӯро накӯбам ба пой,
Бад-ин некуӣ бозгардам зи[5] ҷой.

ФИРИСТОДАНИ ИСКАНДАР НӮҲ МАРДИ ДОНО БАРОИ ДИДАНИ ЧАҲОР ЧИЗИ ШИГИФТ

Гузин кард аз румиён мард чанд,
Хирадманд[6] бодонишу бегазанд.

Яке нома бинвишт пас[7] шаҳрёр,
Пур аз пӯзишу рангу бӯю нигор,

Ки нӯҳ[8] номвар устуворони хеш,
Ҷаҳондидаву[9] роздорони хеш.

Хирадманду бофарру бошарму[10] рой,
Ҷаҳонбину пурдонишу[11] раҳнамой.

Фиристодам инак ба наздики ту,
Напечанд аз[12] ройи борики ту.

1. И – Ба як бор
2. Л – ҳамроз
3. ИЛ – гуфт
4. И – онҳо
5. ИЛ – ба
6. Л – Хирадманду
7. Л – зӣ.
8. Л – Ба сад
9. Л – Аз ин пурҳунар
10. Л – бодонишу шарму
11. Л – Ҷаҳонҷӯю номовару
12. Л – Напечад магар

www.sattor.com

Ту ин чизҳоро бад-эшон намой,
Бимон, то бибошанд он ҷо[1] ба ҷой[2].

Чу ман нома ёбам зи пирони[3] хеш,
Аз ин пурҳунар ёдгирони[4] хеш,

Ки бугзашт бар чашми мо чор чиз,
Ки андар ҷаҳон кас надидаст низ.

Нависем пас номае бар паринд,[5]
Ки Кайд аст, то бошад ӯ, шоҳи Ҳинд.[6]

Хирадманд нӯҳ[7] марди румӣ бирафт,
Зи назди Сикандар сӯи Кайд тафт.

Чу солори Ҳинд он саронро бидид,
Фаровон бипурсиду посух шунид.

Чунон чун бибоист, бинвохтшон,
Яке моявар ҷойгаҳ сохтшон.[8]

Дигар рӯз чун осмон гашт зард,
Бароҳехт хуршед теғи набард,

Биёростанд[9] духтари шоҳро,
Набояд худ оростан[10] моҳро.

Ба хона- дарун тахти заррин ниҳод,
Ба гирд- андар ороиши Чин ниҳод.

Нишаст аз бари тахт хуршедчеҳр,
Зи Ноҳид тобандатар бар сипеҳр.

1. Л – бибошад ҳамон ҷо
2. И – б. 328 – 33 нест.
3. Л – ёрони
4. И – Ҷаҳондидаву пешкорони
5. Л – Нависем бас номаи дилписанд.
6. Л – ҷовидон шоҳи Ҳинд.
7. Л – сад
8. Л – ҷои шоиста барсохтшон.
9. И – Биёроста
10. И – Наёяд худ ороиши

www.sattor.com

Бирафтанд бедор нӯҳ[1] марди пир,
Забон чарбгӯяндаву[2] ёдгир.

Фиристодашон шоҳ сӯи арӯс
Бар овози Искандари Файлақус.

Чу диданд пирон рухи духти шоҳ,
Дурахшон аз ӯ хонаву тоҷу гоҳ,

Фурӯ монданд андар ӯ хир-хир,[3]
Зи дидори ӯ суст шуд пои пир.

Хирадманд нӯҳ пир монданд[4] ба ҷой,
Забонҳо пур аз офарини Худой.

На ҷои гузар дид аз эшон[5] яке,
На з-ӯ чашм бардоштанд[6] андаке.

Чу фарзонагон дертар монданд,
Кас омад, бари шоҳашон хонданд.

Чунин гуфт бо румиён шаҳрёр.
Ки «чандин чаро будатон[7] рӯзгор?

Ҳамон одамӣ буд, к-он[8] чеҳра[9] дошт,
Ба хубӣ зи ҳар ахтаре баҳра[10] дошт».

Бад-ӯ гуфт румӣ, ки: «Эй шаҳрёр,
Ба айвон чун ӯ кас набинад нигор[11].

Кунун ҳар яке аз як андоми моҳ
Фиристем нома ба наздики шоҳ.

---

1. И – Даҳ
2. И – Чарбу гӯяндаву
3. ИЛ – хира хир,
4. Л – даҳ пир монда
5. И – з-эшон
6. И – Набардоштанд чашм аз ӯ
7. Л – бурдатон.
8. Л – Ҳам ӯ мардумӣ буд агар
9. И- мардумӣ буд, к-он чеҳр
10. И – баҳр
11. Л - Агарчи басе будам он рӯзгор;
ТПИЛ – Надидем кас рӯи ӯро тамом,
Набошад чун ӯ одамӣ, вассалом*.
*Л – Салом-ун-алайкум, алайкум салом

www.sattor.com

Нишастанд пас файласуфон ба ҳам,
Гирифтанд қиртосу қиру қалам.

Набиштанд ҳар мӯбаде он ки дид,
Ки қиртос аз анқос шуд нопадид.

Зи наздики эшон саворе бирафт,
Ба назди Сикандар ба Милод тафт.

Чу шоҳи ҷаҳон номаҳошон бихонд,
Зи гуфторашон дар шигифтӣ бимонд.

Ба нома ҳар андомро ҳар яке
Сифат карда буданд з-ӯ андаке.

Бад-эшон ҷаҳондор посух навишт,
Ки бах-бах бидиданд пирон[1] биҳишт.

Кунун бозгардед бо чор чиз,
Бад-ин - бар фузунӣ махоҳед низ.

Чу маншури аҳди ман ӯро диҳед,
Шумо бо Фуғистон буна барниҳед.

Наёзорад ӯро касе з-ин сипас,
Аз ӯ ёфтам дар ҷаҳон доду бас.

ОВАРДАНИ НӮҲ МАРДИ ДОНО ЧАҲОР ЧИЗ АЗ КАЙДИ ҲИНД БА НАЗДИ ИСКАНДАР

Фиристода баргашт аз он тоза[2] бум,
Биёмад ба наздики пирони Рум.

Чу он мӯбадон посухи шаҳрёр
Бидиданд бо ранҷдида савор,

Аз айвон ба наздики шоҳ омаданд,
Бад-он номвар боргоҳ омаданд.

1. Л – ки дидем хуррам
2. Л – марзу

www.sattor.com

Бар ӯ хонданд посухи номаро,
Паёми ҷаҳондори[1] худкомаро[2].

Сипаҳдори Ҳиндустон шод гашт,[3]
Ки аз ранҷи Искандар озод гашт.[4]

Гузин кард сад мард аз он[5] ҳиндувон,
Хирадманду гӯёву ширинзабон.[6]

Дари ганҷ беранҷ букшод шоҳ,
Гузин кард з-ӯ ёраву тоҷу гоҳ.

Ҳамон гавҳару ҷомаи нобурид
Зи чизе, ки шоистатар баргузид.

Бибурданд сесад шутурвор бор.
Ҳама ҷомаву гавҳари шоҳвор.

Даҳ уштур ҳама бор динор кард,[7]
Даҳ уштур зи ганҷи дирам бор кард.[8]

Яке маҳди пурмоя аз уди тар,
Бар ӯ бофта зарру чанде[9] гуҳар.

Ба даҳ пил бар тахти заррин ниҳод,
Ба пиле, ки пурмоятар[10] зин ниҳод.

Фуғистон биборид хунин сиришк,
Ҳаме рафт бо файласуфу пизишк.[11]

Қадаҳ ҳамчунон номдоре ба даст,
Ҳама саркашон аз майи ҷом маст.[12]

---

1. И – Чу пайғоми он шоҳи
2. Л – Чу пайғоми он шоҳи худкомаро,
   Бар ӯ хонданд посухи номаро.
3. Л – шуд,
4. Л – шуд.
5. Л – пирон сад аз; И – з-он
6. Л – равшанравон.
7. Л – буд,
8. Л – буд.
9. Л – чандон,
10. И – пурмоя буд.
11. И – б. 276 нест.
12. И – б. 277 нест.

www.sattor.com

Фуғистон чу омад ба мушкуи[1] шоҳ,
Яке тоҷ бар сар зи мушки сиёҳ.

Ба сони зиреҳ бар гули[2] арғувон
Барафканда буд моҳрух гесувон.[3]

Чу сарви саҳӣ бар сараш гирдмоҳ,
Нашоист кардан бад-ӯ- дар нигоҳ.[4]

Ду чашмаш чу ду наргис андар биҳишт,
Ки[5] гуфтӣ, ки аз ноз дорад сиришт.

Сикандар нигаҳ карда болои ӯй,
Ҳамон мӯю рӯю саропои ӯй.

Ҳаме гуфт, к-инат чароғи ҷаҳон,
Ҳаме офарин хонд андар ниҳон.

Бад-он додгар, к-ӯ сипеҳр офарид,
Бад-ин гуна болову чеҳр офарид.

Бифармуд, то ҳар кӣ бихрад буданд,
Бад-он лашкари Рум мӯбад буданд,

Нишастанду ӯро ба оин бихост,
Ба расми Масеҳову[6] пайванди рост.

Бар ӯ рехт динор чандон зи ганҷ,
Ки шуд моҳро роҳ рафтан ба ранҷ.

ОЗМУДАНИ ИСКАНДАР ФАЙЛАСУФУ ПИЗИШКУ ҶОМИ КАЙД

Чу шуд кори он сарвбун сохта,
Ба оини ӯ ҷой пардохта,

---

1. Л – наздики
2. Л – Ба сони гули зард - бар
3. Л – Зи дидори ӯ шоҳ шуд нотавон;
   И – Зи дидори ӯ дида шуд нотавон.
4. ТПЗИЛ – Ду абру камону ду наргис дижам,
   Сари зулфро тоб дода ба ҳам.
5. ИЛ – Ту
6. И – расму ба кобину

www.sattor.com

Бипардахт аз он пас ба донандамард,
Ки чун хезад аз дониш андар набард.

Пур аз равғани гов ҷоми бузург
Фиристод зӣ файласуфи сутург,

Ки инро ба андомҳо-бар бимол,
Сурину миёну бару пушту ёл.

Биёсой, то мондагӣ бифканӣ,
Ба дониш маро мағзу ҷон оганӣ.

Чу доно ба равған нигаҳ кард, гуфт,
Ки «Ин банд бар ман нашояд нуҳуфт.

Ба ҷом - андар афканд сӯзан ҳазор,
Фиристод бозаш бари шаҳрёр.

Ба сӯзан нигаҳ кард шоҳи ҷаҳон,
Биёвард оҳангаре дар[1] ниҳон.

Бифармуд, то гард бугдохтанд,
Зи оҳан яке мӯҳрае сохтанд.

Сӯи марди доно фиристод зуд,
Чу доно нигаҳ кард, оҳан бисуд.

Фиристод аз он[2] оҳани тирaранг,
Яке оина карда равшан зи занг.[3]

Бибурданд назди Сикандар ба шаб,
В-аз он роз накшод бар бод лаб.

Сикандар ниҳод оина зери нам,
Ҳаме буд, то шуд сиёҳу дижам.

Бари файласуфаш фиристод боз,
Бад-н кор шуд рамзи оҳан дароз.

Хирадманд биздуд оҳан чу об,
Фиристод бозаш ҳам андар шитоб.

---

1. Л – оҳангаронро; И – оҳангареро
2. Л – Чу бишнохт
3. Л – кард равшан ба ранг.

www.sattor.com

Зудудаш ба дору, к-аз он пас зи нам
Нагардад ба зудӣ сиёҳу дижам.[1]

Сикандар нигаҳ карду ӯро бихонд,
Бипурсиду бар зери гоҳаш нишонд.

Сухан гуфташ аз ҷоми равған нахуст,
Ҳаме дониши номвар бозҷуст.

Чунин гуфт бо шоҳ марди хирад,
Ки равған ба андомҳо нагзарад.[2]

Ту гуфтӣ, ки аз файласуфони шаҳр
Маро худ зи дониш фузун аст баҳр.

Ба посух чунин гуфтам:[3] «Эй подшо,
Ки доно дилу мардуми порсо

Чу сӯзан пайи устухон биспарад,[4]
Агар санг пеш оядаш, бугзарад.[5]

Туро гуфтам ин чарбгуфтор[6] ман,
Равону дилу ройи ҳушёри ман.

Сухан дорад аз мӯй бориктар,
Туро дил зи оҳан на ториктар.

Ту гуфтӣ бар ин солиён баргузашт,
Зи хунҳо дилам пур зи зангор гашт.

---

1. Л – б. 401 – 403 нест.
2. ИЛ – бугзарад.
3. ИЛ – гуфт:
4. Л – паю устухон бишмарад,
5. Л – бишкарад;
   ТПИМ – Ба посух ба доно чунин гуфт шоҳ,
   Ки ҳар дил, ки он гашта бошад сиёҳ.
   Ба базму ба разму ба хун рехтан.
   Ба ҳар ҷой бо душман овехтан,
   Суханҳои борики марди хирад,
   Чу дил тира бошад, куҷо бугзарад?
6. ИЛ – хубгуфтор

www.sattor.com

Чӣ гуна ба роҳ ояд ин тирагӣ,
Чӣ печам суханҳо[1] бад-ин хирагӣ?[2]

Туро гуфтам аз дониши осмон,
Зудоям, дилат гар шавад бадгумон.

Аз он пас, ки чӯб[3] об гардад ба ранг,
Куҷо кард ёрад бар ӯ кор занг.[4]

Писанд омадаш нағз гуфтори ӯй,[5]
Дилаш тезтар гашт бар кори ӯй.

Бифармуд, то ҷомаву симу зар
Биёвард ганҷуру ҷоме[6] гуҳар.

Ба доно супурданду доно бигуфт,[7]
Ки «ман гавҳаре дорам андар нуҳуфт,

Ки ёбанд аз ӯ[8] чизу бедушман аст,
На чун хоста ҷуфти Оҳарман аст.

Ба шаб посбонро нахоҳам ба музд,
Ба роҳе, ки бошам, натарсам зи дузд.

Ки дониш ба шаб посбони ман аст,
Хирад тоҷи бедори ҷони ман аст.

Хирад бояду донишу ростӣ,
Ки каҷжӣ бикӯбад[9] дари костӣ.

Маро хӯрду пӯшидани з-ин ҷаҳон,
Бас аз шаҳрёр ошкору ниҳон.

Ба бешӣ чаро шодмонӣ кунам,
Бад-ин хоста посбонӣ кунам?!

1. И – Чаро буд бояд
2. Л – суханро бар ин чирагӣ.
3. ИЛ – чун
4. Л – бояд бар ӯ кор танг.
5. И – тира гашта ба озори
6. И – ҷоми
7. ИЛ – донанда гуфт.
8. Л – ёбам бад-ӯ
9. Л – накӯбад

www.sattor.com

Бифармой, то ин барад боз ҷой,
Хирад бод ҷони туро[1] раҳнамой.

Сикандар аз ӯ монд андар шигифт,
Зи ҳар гуна андешаҳо баргирифт.

Бад-ӯ гуфт: «Аз ин пас маро бар гуноҳ
Нагирад[2] Худованди хуршеду моҳ.

Харидорам ин рою панди туро,
Сухан гуфтани судманди туро»

ОЗМУДАНИ ИСКАНДАР ПИЗИШКИ ҲИНДУСТОНРО

Бифармуд, то рафт пешаш пизишк,
Ки иллат бигуфтӣ, чу дидӣ сиришк.

Сари дардмандӣ бад-ӯ гуфт: «чист,
Ки бар дарди он кас бибояд гирист?»

Бад-ӯ гуфт: «Ҳар кас ки афзун х(в)арад,
Чу бар хон нишинад хӯриш нашмарад.

Набошад фаровонхуриш тандуруст,
Бузург он, ки ӯ тандурустӣ биҷуст.[3]

Биёмезам[4] акнун туро доруе,
Гиёҳон[5] фароз орам аз ҳар суе.

Ки ҳамвора бошӣ ту з-ӯ[6] тандуруст,
Набояд[*7] ба дору туро тан бишуст.[8]

Ҳамон орзуҳо бияфзоядат,
Чу афзун хӯрӣ чиз, нагзоядат.

1. Л –маро
2. Л – Бигирад
3. И – б. 431, 432 нест.
4. И – биёмӯзам; Л – Баромезам
5. ИЛ – Гиёҳо
6. Л – бад-он
7. М – Бибояд
8. Л – Бибояд ба дору туро рӯй шуст.

www.sattor.com

Ҳаме[*1] ёд дор ин суханҳои нағз,
Бияфзояд андар танат хуну мағз.

Шавӣ бар тани хеш-бар комгор,
Дилат шод гардад чу хуррамбаҳор![2]

Ҳамон ранги чеҳрат ба ҷой оварад,
Ба ҳар кор покиза рой оварад.

Нагардад пароканда мӯят, сафед,
Зи гетӣ сафедӣ[3] кунад ноумед.

Сикандар бад-ӯ гуфт: «Нашнидаам,
На касро зи шоҳон чунин дидаам.

Гар орӣ ту ин нағздору ба ҷой,
Ту бошӣ ба некӣ[*4] маро раҳнамой.

Харидор бошам[5] туро ман ба ҷон,
Шавӣ бегазанд аз бади бадгумон.

Варо хилъату некуиҳо бисохт,
Зи донопизишкон сараш барфарохт.

Пизишки сароянда омад ба кӯҳ,
Наёвард[6] бо хештан з-он гурӯҳ.

Зи доноӣ ӯро фузун буд баҳр,
Ҳаме заҳр бишнохт аз пойзаҳр.

Гиёҳони кӯҳӣ фаровон дуруд,
Бияфканд аз ӯ, ҳар чӣ бекор буд.

Аз ӯ поктарёкҳо баргузид,
Биёмехт дору, чунон чун сазид.

Танашро ба доруи кӯҳӣ бишуст,
Ҳаме дошташ солу маҳ[7] тандуруст.

1. М – Ҳамон
2. И – б. 437 нест.
3. ИЛ – сапедӣ.
4. М - гетӣ
5. Л – гардам
6. ЛМ – Биёвард
7. Л - солиён

www.sattor.com

Чунон буд, ки ӯ шаб нахуфтӣ басе,
Биёмехтӣ шод бо ҳар касе.

Ба кори занон тез будӣ бараш,[1]
Ҳаме нарм ҷое бичустӣ сараш.[2]

Аз он пас ба коҳиш гароид шоҳ,
Надошт андар он ҳеҷ танро нигоҳ.

Чунон буд, ки рӯзе биёмад пизишк,
Зи коҳиш нишон ёфт андар сиришк.

Бад-ӯ гуфт, к-«Аз хуфту хези занон
Ҷавон пир гардад ба тан, бегумон.

Бар онам,[3] ки бедор будӣ се шаб,
Ба ман боз гӯй ину букшой лаб»

Сикандар бад-ӯ гуфт: «Ман равшанам,
Аз озор сустӣ нагирад[4] танам».

Писандида донои Ҳиндустон,
Набуд андар он кор ҳамдостон.

Чу шаб тира гашт, аз[5] набишта биҷуст,
Биёмехт[6] доруи коҳиш дуруст.

Сикандар ҳамон шаб ба танҳо бихуфт,[7]
Наёмехт бо моҳдидор ҷуфт.

Ба шабгир чун андаромад пизишк,
Нигаҳ кард вайро бидидаш сиришк.

Бияндохт дору ба ромиш нишаст,
Яке ҷом бигрифт шодон ба даст.

Бифармуд, то хон биёростанд,
Навозандаи руду май хостанд.

1. ИЛ – сараш
2. Л – бараш
3. И – Бидонам,
4. Л – он оз сустӣ надорад; И – Аз озор сустӣ надорад.
5. Л – шуд он
6. Л – Биёвард
7. Л – низ танҳо нахуфт

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Он чаро рехтӣ,
Чу бо ранҷ дору биёмехтӣ?[1]»

Бад-ӯ гуфт: «Шоҳи ҷаҳон дӯш ҷуфт,
Наҷусту шаби тира танҳо бихуфт.

Чу танҳо бихуспӣ[2] ту, эй шаҳрёр,
Маро ҳеҷ дору наёяд[3] ба кор».

Сикандар бихандиду з-ӯ гашт шод,
Варо гуфт: «Бе Ҳинд гетӣ мабод!»

Пизишкону ахтаршиносон ҳама,
Ту гуфтӣ, ба Ҳиндустон шуд рама.[4]

Яке бадра динору аспи сиёҳ,
Ба ҳаррои зарин бифармуд шоҳ.

Пизишки хирадмандро доду гуфт,
Ки «бо пок роят забон[5] бод ҷуфт!»

ОЗМУДАНИ ИСКАНДАР ҶОМИ КАЙДРО

В-аз он пас бифармуд, к-он ҷоми зард
Биёранд, пур карда аз оби сард.

Ҳаме хӯрд ҳар кас аз он ҷом[6] об,
Зи шабгир то буд ҳангоми хоб.

Бихӯрданд об аз пайи хуррамӣ,
Зи хӯрдан наёмад бад-ӯ- дар камӣ.

1. И – баромехтӣ
2. Л – бихуфтӣ,
3. ИЛ – Наёяд туро ҳеҷ дору
4. Л – пас аз б. 466 ин б. омада:

Аз он ҷо биёмад сӯи хони хеш,
Ҳама шаб ҳаме сохт дармони хеш.
Чу барзад сар аз кӯҳ равшанчароғ,
Чу дебо фурӯзанда шуд дашту роғ,
Сикандар биёмад бад-он боргоҳ
Лабе пур зи ханда, дил аз ғам табоҳ.
Фиристодаро дид солори бор,
Бипурсиду бурдаш сӯи шаҳрёр.

5. Л – бо доди Яздон хирад
6. Л – з-он ҷоми зар ҳар кас

www.sattor.com

Бад-он файласуф он замон шоҳ гуфт:
Ки андар ҷаҳон Кайдро нест ҷуфт.

Аз ин пас нахонем Ҳиндустон,
Магар хонаи Кайди ҷодуситон.

Ба чеҳра надоранд чизе фузун,
Шигифт андар ин банду чандин фусун.[1]

Бад-он файласуф он замон шоҳ гуфт,
Ки «Ин дониш аз мо набояд нуҳуфт,[*2]

Ки афзоиши оби ин ҷом чист?
Нуҷумист ё олати ҳиндувист?»

Чунин дод посух ки «Эй шаҳрёр,
Ту ин ҷомро хормоя мадор,

Ки ин- дар басе солиён кардаанд,
Бад-ин - андарун ранҷҳо бурдаанд.

Аз ахтаршиносони ҳар кишваре,
Ба ҷое ки буд номвар меҳтаре,

Бари Кайд буданд, к-ин ҷом кард
Ба рӯзи сафеду шаби ложвард.

Ҳаме кори[3] ахтар нигаҳ доштанд,
Фаровон бад-ин рӯз бугзоштанд.

Ту аз Миғниётис гир ин нишон,
Ки ӯро касе кард оҳанкашон.

Ба табъ инчунин ҳам шудаст обкаш,
Зи гардун бигирад[4] ҳаме оби х(в)аш.

Ҳаме об гирад[5] чу гирад камӣ,
Набинад ба равшан ду чашм одамӣ».

1. И – б. 472, 473 нест.
2. М – б. 473 – 474 нест.
3. ИЛ – Ҳама табъи
4. ИЛ – пазирад
5. Л – ёбад

www.sattor.com

Чу гуфтори доно писанд омадаш,
Суханҳои ӯ судманд омадаш.

Чунин гуфт пирони милодро,
Ки «Ман аҳди Кайд аз пайи додро

Ҳаме нашканам, то бимонам[1] ба ҷой,
Ҳама пеши ӯ буд бояд ба пой.

Чу[2] ман ёфтам з-ӯ чунин чор чиз,
Бар-ин-бар фузунӣ наҷӯем[3] низ.[4]

Дусад боркаш хоста барниҳод,
Сад афсар зи гавҳар бар он сар ниҳод.

Ба кӯҳ андароганд чизе, ки буд,
Зи динору аз гавҳари нобисуд.

Чу дар кӯҳ шуд ганҷҳо нопадид,
Касе чеҳраи оганида[5] надид.

Ҳама ганҷ бо он, ки кардаш ниҳон,
Надиданд з-он пас кас андар ҷаҳон.

Зи ганҷи ниҳон карда дар кӯҳсор,
Биёвард бо хештан ёдгор.

НОМАИ ИСКАНДАР БА ФУРИ ҲИНДӢ

Зи милод чун бод лашкар биронд,
Ба Қаннуҷ шуд, ганҷаш он ҷо бимонд.

Чу овард лашкар ба наздики Фур,
Яке нома фармуд пурҷангу шӯр.[6]

Зи шоҳаншаҳ Искандари Файлақус
Фурӯзандаи донишу[7] нӯъму бус.

1. Л – бимонад
2. Л – Ки
3. Л – нахоҳем
4. ТПЗИ – В-аз он пас Сикандар ҳаме хоста.
   Куҷо дошт бо ганҷи ороста,
5. И – чеҳраогандаҳоро
6. Л – сур.
7. Л – оташу; И – оташи

www.sattor.com

Сӯи Фури ҳиндӣ сипаҳдори Ҳинд,
Баландахтару лашкаророи Синд.

Сари нома кард офарини Худой,
Куҷо буда[1] бошад ҳамеша ба ҷой.

Касеро, ки ӯ кард пирӯзбахт,
Бимонад бад-ӯ кишвару тоҷу тахт.

Гараш[2] хор гирад, бимонад нажанд,
Натобад бар ӯ офтоби баланд.

Шунидӣ ҳамоно, ки Яздони пок
Чӣ додаст моро дар ин[3] тирахок?

Зи пирӯзиву бахту аз[4] фарраҳӣ,
Зи дайҳиму аз тахту[5] шоҳаншаҳӣ.

Намонад ҳаме, рӯзи мо бугзарад,
Каси дигар ояд, к-аз ин[6] барх(в)арад.

Ҳаме ном бояд,[7] ки монад, на нанг
Бар ин маркази моҳу паргори танг.

Чу ин нома орам[8] ба наздики ту,
Пур аз дод кун ройи торики ту.

Зи тахти бузургӣ[9] ба асп андар ой,
Мазан рой бо мӯбаду раҳнамой.

Зи мо эминӣ хоҳу чора масоз,
Ки бар чорагар кор гардад дароз.

Зи фармон агар як замон бугзарӣ,
Баландӣ гузиниву кундоварӣ,[10]

1. ИЛ – буду
2. Л – Гар ӯ
3. ИЛ – бад-ин
4. Л – бахт в-аз
5. Л – дайҳим в-аз тахти
6. Л – ӯ
7. Л – кӯшам
8. Л – оранд; И – он нома оранд
9. Л – баландӣ
10. ТПЗИЛМ – Биёрам чу оташ сипоҳи гарон,
Гузидадалерону кундоварон.

www.sattor.com

Чу ман бо саворон биёям ба ҷанг,
Пушаймонӣ ояд туро аз диранг.

Чу з-ин бора гуфторҳо сахта шуд,
Нависанда аз нома[1] пардахта шуд,

Ниҳоданд мӯҳри Сикандар бар ӯй,[2]
Биҷустанд бино яке роҳҷӯй.[3]

Фиристода омад ба дарбори Фур,
Гаҳе разм гуфтӣ, гаҳе базму сур.

Ҷаҳондидаро пеши ӯ хонданд,
Бари[4] тахт наздик биншонданд.

ПОСУХИ НОМАИ ИСКАНДАР АЗ ФУР

Чу он нома бархонд Фури сутург,
Барошуфт аз он номдори бузург.

Ҳамон гаҳ яке тунд посух навишт,
Ба полези кина дарахте бикишт.

Сари нома гуфт аз Худованди пок,
Бибояд, ки бошем ботарсу бок.

Нагӯем чандин сухан бар газоф,
Ки бечора бошад худованди лоф.

Маро пеш хонӣ, туро шарм нест,
Хирадро бари мағзат озарм нест.

Агар Файлақус ин навиштӣ ба Фур.
Ту ҳам разм оғозу бардор шӯр.[5]

Зи Доро бад-ин сон шудастӣ далер,
К-аз ӯ гашта буд чархи гарданда сер.

1. Л – Нависандаи нома
2. Л – бад-ӯй
3. Л – бедор як номҷӯй
4. Л – бар он
5. Л – Ба мотам бадал кардӣ оғози сур.

www.sattor.com

Чу бар тухмае бугзарад рӯзгор,
Насозанд бо панди омӯзгор.

Ҳамон низ базм омадат разми Кайд,
Бар онӣ, ки шоҳон-т гаштанд сайд.

Бар ин гуна унвону з-ин сон сухан
Наёмад ба мо з-он каёни куҳан.

Манам Фуру аз Фур дорам нажод,
Ки аз қайсарон кас накардем ёд.

Бад-он гаҳ ки Доро маро ёр хост,
Дилу бахт бо ӯ надидем рост.

Ҳамон жандапилон[1] фиристодамаш,
Ҳамон ман[2] ба ёрӣ забон додамаш.

Чу бар дасти он банда-бар кушта шуд,
Сари бахти эрониён гашта шуд.

Зи Доро чу рӯи замин пок шуд,
Туро заҳри бурранда тарёк шуд.

Гар[3] ӯро зи дастури бад бад расид,
Чаро шуд хирад дар[4] сарат нопадид?

Ту дар ҷанг чандин далерӣ макун,
Ки бо мот чунин набошад[5] сухун,

Бубинӣ кунун жандапилу[6] сипоҳ,
Ки дар дашт банданд[7] бар бод роҳ.

Ҳама ройи ту бартарӣ ҷустан аст,
Ниҳоди ту ҳамранги аҳриман аст.

Ба гетӣ ҳама тухми зуфтӣ макор,
Битарс аз газанду бади рӯзгор.

1. Л – Ҳаме зиндапилон
2. Л – Ҳамэ дун
3. Л – Ки
4. Л – Аз
5. Л – Мот кӯтоҳ гардад
6. Л – пешат бубананд
7. Л – пешат бубананд

www.sattor.com

Бад-ин нома мо некуӣ хостем,
Ба хубӣ[1] дилатро биёростем.

ЛАШКАР ОРОСТАНИ ИСКАНДАР БА РАЗМИ ФУР

Чу посух ба назди Сикандар расид,
Ҳамон гаҳ зи лашкар ялон[2] баргузид,

Ки бошанд шоиставу пешрав,
Ба дониш куҳан гашта в-аз[3] сол нав.

Сӯи Фури ҳиндӣ сипоҳе биронд,
Ки рӯи замин ҷуз ба дарё намонд.

Ба ҳар сӯ ҳаме ронд[4] з-он сон сипоҳ,
Ки гуфтӣ ҳаме[5] бар замин нест роҳ.

Ҳама кӯҳу дарёву роҳи дурушт
Ба дил оташи ҷангҷӯён бикушт.

Зи рафтан саросар сипаҳ гашт кунд.
Аз он роҳи бероҳи душвору тунд.

Ҳамон гаҳ чу омад ба манзил сипоҳ,
Гурӯҳе бирафтанд наздики шоҳ,

Ки «эй Қайсари Руму солори Чин
Сипоҳи туро барнатобад замин.

Наҷӯяд ҳаме ҷанги[6] ту Фури Ҳинд,
На Фағфури чинӣ, на солори Синд.

Сипаҳро чаро кард бояд табоҳ,
Бад-ин марзи беарзу з-ин гуна роҳ.

1. Л – Мунаққаш
2. Л – саре
3. Л – дар
4. Л – рафт
5. Л – ҷуз ин
6. Л - разми

www.sattor.com

Зи[1] лашкар набинем аспе дуруст,
Ки шояд ба тундӣ бар ӯ разм ҷуст.

Аз ин ҷанг агар бозгардад сипоҳ,
Савору пиёда наёбанд роҳ.

Чу пирӯз будем то ин замон
Ба ҳар ҷой бар лашкари бадгумон,

Кунун сарбасар кӯҳу дарёст пеш,
Ба серӣ наёмад кас аз ҷони хеш.

Магардон ҳама номи моро ба нанг,
Накардаст кас ҷанг бо обу[2] санг»

Ғамӣ[3] шуд Сикандар зи гуфторашон,
Барошуфту бишкаст бозорашон.

Чунин гуфт, к-«аз ҷанги эрониён
Зи румӣ касеро наёмад зиён.

Ба Доро-бар аз бандагон бад расид,
Касе аз шумо зору хаста надид.

Бад-ин роҳ ман бе шумо бугзарам,
Дами[4] аждаҳоро ба пай биспарам.

Бубинам аз он пас, ки ранҷур Фур
Напардозад аз ман ба разму ба сур.

Чу з-ӯ бозгардам, биёям ба Рум,
Ба мардӣ ба зер оварам рӯи бум.

Маро ёр Яздону эронсипоҳ,
Нахоҳам, ки румӣ бувад некхоҳ».

Чу ошуфта шуд шоҳ з-он гуфтугӯй,
Сипаҳ сӯи пӯзиш ниҳоданд рӯй.

1. Л –Ба
2. И – кӯҳу
3. И – Ғамин
4. ИЛ – Дили

www.sattor.com

Ки мо сар ба сар бандаи Қайсарем,
Замин ҷуз ба фармони ӯ наспарем.

Бипӯем, чун[1] асп гардад табоҳ,
Пиёда ба ҷанг андарояд сипоҳ.

Гар аз хуни мо хок дарё кунанд,
Нишебӣ аз[2] афканда боло кунанд,

Набинад касе пушти мо рӯзи ҷанг,
Агар чарх ҷанг ораду кӯҳ санг.

Ҳама бандагонему фармон туррост,
Чӣ озор[3] гирӣ зи мо, ҷон туррост.

Чу бишнид аз эшон Сикандар сухун,
Яке размро дигар афканд бун.

Гузин кард аз эрониён сӣ ҳазор,
Ки буданд бо олати корзор.[4]

Паси пушти эшон зи румӣ сарон,
Зиреҳдору мардони ҷанговарон.

Бирафтанд корозмуда савор[5]
Паси пушти эрониён чил ҳазор,[6]

Паси пушти эшон сарони Хазар,[7]
Ҳама номдорони бофарру зар,[8]

Ҳам аз тозиён бешумор анҷуман
Зи Шому Ҳиҷозу зи шаҳри Яман.[9]

---

1. Л – Бикӯшему гар
2. Л – зи
3. Л – ором
4. ТПЛМ – Зи хешони Дорову кундоварон,
   Ҳар он кас, ки буд аз нажоди каён.
5. Л – сарон
6. Л – Зиреҳдор мардона ҷанговарон.
7. Л – Зи румӣ савор
8. Л – Ба қалб-андарун номвар сӣ ҳазор.
9. И – б. 566-568 нест.

www.sattor.com

Гузин кард қайсар даҳу ду ҳазор,
Ҳама найзаварру[1] ҳама номдор.[2]

Бад-он то паси пушти ӯ з-ин гурӯҳ
Дару дашт гардад ба кирдори кӯҳ.

Зи ахтаршиносону аз мӯбадон,
Ҷаҳондидаву номвар бихрадон,

Ҳаме бурд бо хештан шаст мард,
Пажӯҳандаи рӯзгори набард.

Чу огоҳ шуд Фур, к-омад сипоҳ,
Гузин кард ҷой аз дари[3] размгоҳ.

Ба дашт- андарун лашкар анбӯҳ гашт,
Замин аз пайи пил чун кӯҳ гашт.

Сипоҳе кашиданд бар чор мил,
Паси пушт гурдону дар пеш пил.

Зи Ҳиндустон чанд корогаҳон
Бирафтанд наздики шоҳи ҷаҳон.

Бигуфтанд бо ӯ басе ҳаст[4] пил,
Ки ӯ аспро бишканад бар ду мил.

Саворе наёрад бари ӯ шудан,
На чун шуд бар ӯ роҳи бозомадан.

Чу хартуми ӯ аз ҳаво бартар аст,
Зи гардун-ш кайвон ҳаме[5] ёвар аст.

Ба қиртос бар пил бингоштанд,
Ба чашми ҷаҳонҷӯй бугзоштанд.

---

1. ИЛ – размҷӯю
2. Л – Дигар буд лашкар саворони Миср,
   Далерону ханҷаргузорони Миср.
   Зи румиву мисриву аз барбарӣ
   Саворони шоистаи лашкарӣ.
3. И – аз пайи.
4. Л – ӯро басе размӣ; И – размӣ
5. ИЛ – гардун мар ӯро Зуҳал

www.sattor.com

Бифармуд, то файласуфони Рум
Яке пил карданд пешаш зи мум.

Чунин гуфт: Акнун ба покиза рой,
Кӣ орад яке чораи ин ба ҷой?

Нишастанд донишпажӯҳон ба ҳам,
Яке чора ҷустанд бар бешу кам.

Яке анҷуман кард аз оҳангарон,
Ҳар он кас, ки буданд аз эшон сарон,

Зи Румиву мисриву аз порсӣ
Фузун буд мардон зи сад[1] бор сӣ.[2]

Яке борагӣ сохтанд оҳанин,
Савораш зи оҳан в-аз оҳан-ш зин,

Ба меху ба мис дарзҳо дӯхтанд,
Савору тану[3] бора афрӯхтанд.*[4]

Сикандар бидид он писанд омадаш,
Хирадмандро судманд омадаш.

Бифармуд, то з-он фузун аз ҳазор
Аз оҳан бикарданд аспу савор.

Аз он абрашу бӯру хингу сиёҳ,
Кӣ дидаст ҳаргиз зи оҳан сипоҳ?!

Сари моҳро кор шуд сохта,
В-аз он чорагар гашт пардохта.

Аз оҳан сипоҳе ба гардун биронд,
Ки ҷуз бо саворони ҷангӣ намонд.

---

1. Л – чиҳил
2. И – б. 585 нест.
3. И – тани
4. М – Пас аз б. 587 ин б. омада:
   Ба гардун ҳаме ронданд пеши шоҳ
   Дарунаш пур аз нафту карда сиёҳ.

www.sattor.com

ҶАНГИ ИСКАНДАР БО ҲИНДУВОН ВА КУШТА ШУДАНИ ФУР БАР ДАСТИ Ӯ

Чу Искандар омад ба наздики Фур,
Бидид он савору[1] сипаҳро зи дур.

Хурӯш омаду гарди разм аз ду рӯй,
Бирафтанд гурдони пархошҷӯй.

Ба аспу ба нафт оташ андарзаданд,
Ҳама ҳиндиён даст бар сар[2] заданд.

Аз оташ барафрӯхт нафти сиёҳ,
Биҷунбид аз он к-оҳанин буд сипоҳ.

Зи лашкар баромад саросар хурӯш,
Ба захм овариданд пилон ба ҷӯш,

Чу хартумҳошон бар оташ гирифт,
Бимонданд аз он пилбонон шигифт.

Ҳама лашкари Ҳинд гаштанд боз,
Ҳам он жандапилони гарданфароз.

Чу з-ин гуна диданд аз эшон гурез,
Бирафтанд бо лашкар аз ҷой тез.[3]

Сикандар паси лашкари бадгумон
Ҳаме тохт бар сони боди дамон.

Чунин то ҳаво нилгун шуд ба ранг,
Сипаҳро намонд он замон ҷойи ҷанг.

Ҷаҳонҷӯй бо румиён ҳамгурӯҳ
Фуруд омад андар миёни ду кӯҳ.

Талоя фиристод ҳар сӯ ба роҳ,
Ҳаме дошт лашкар зи душман нигоҳ.

1. Л – сипаҳ ин
2. Л – лашкари Фур барҳам.
3. Л – Гирифтанд пилон аз оташ гурез,
Бирафтанд бо лашкар аз ҷой тез.

www.sattor.com

Чу пайдо шуд он шӯшаи[1] тоҷи шед,
Ҷаҳон шуд ба сони булӯри сапед[2].

Баромад хурӯшидани карраной,[3]
Дами нойи сурғину ҳиндидарой[4].

Сипаҳ бо сипаҳ ҷанг барсохтанд,
Синонҳо ба абр-андар афрохтанд.

Сикандар биёмад миёни ду саф,
Яке теғи румӣ[5] гирифта ба каф.

Саворе фиристод наздики Фур,
Ки ӯро бихонад, бигӯяд зи дур,

Ки омад Сикандар ба пеши сипоҳ,
Ба дидор ҷӯяд ҳаме бо ту роҳ.

Сухан гӯяду гуфти ту бишнавад,
Агар дод гӯйӣ, бад-он биґравад,

Чу бишнид аз ӯ Фури ҳиндӣ, бирафт,
Ба пеши сипоҳ омад аз қалб тафт.

Сикандар бад-ӯ гуфт, к-«Эй номдор,
Ду лашкар шикаста шуд аз корзор,

Ҳаме дому дад мағзи мардум х(в)арад,
Ҳамон наъли асп устухон биспарад.

Чаро баҳри лашкар ҳама куштан аст,
В-агар зинда аз разм баргаштан аст?[6]

Ду мардем ҳар ду далеру ҷавон,
Сухангӯю бомағз ду паҳлавон.[7]

1. Л – аз осмон
2. Л – сафед.
3. Л – говдум,
4. Л – рӯинахум.
5. ИЛ – ҳиндӣ
6. ИЛ – б. 616 нест.
7. Л – Пас аз б. 617 ин б. омада:
Далерони лашкар ҳама кушта шуд,
В-агар зинда, аз разм баргашта шуд.

www.sattor.com

Миёнҳо бубандему ҷанг оварем,
Чу бояд, ки кишвар ба чанг оварем.

Зи мо чун яке гашт фирӯзбахт,
Бад-ӯ монад ин лашкару пилу тахт».

Зи румӣ суханҳо чу бишнид Фур,
Харидор шуд разми ӯро ба сур.

Бад-ӯ гуфт: «Ин аст оину роҳ,
Бигардем як бо дигар бесипоҳ.

Тани хешро дид бо зӯри шер,
Яке бора чун аждаҳое ба зер.

Сикандар саворе ба сони қалам,
Силеҳе сабук, бодпое дижам.

Ду ханҷар гирифтанд ҳар ду ба каф,
Бигаштанд ҳар ду миёни ду саф.

Сикандар чу дид он тани пили маст,
Яке кӯҳ зер аждаҳое ба даст.

Ба овард аз ӯ монд андар шигифт,
Ғамӣ шуд дил аз ҷону тан баргирифт.

Ҳаме гашт бо ӯ ба овардгоҳ,
Хурӯше баромад зи пушти сипоҳ.

Дили Фур пурдард шуд з-ин хурӯш,
Бад-он сӯ кашидаш сару чашми гӯш.

Сикандар чу бод андаромад ба гард,
Бизад тез теғе бар он шермард.

Бибуррид то бар сару гарданаш,
Зи боло ба хок-андар омад танаш.

Шуд аз лашкараш бонг то осмон,[1]
Бирафтанд гурдони Эрон дамон.

1. Л – Сари лашкари Рум шуд б-осмон,
Хурӯшанда гурдони эрониён.
И – бар осмон.

www.sattor.com

Яке кӯс будаш зи чарми ҳизабр,
Ки овози ӯ баргузаштӣ зи абр.

Баромад дами бӯқу овои кӯс,
Замин оҳанин шуд, ҳаво[*1] обнӯс.

Бар он ҳамнишон ҳиндувон размҷӯй,
Ба тангӣ ба рӯй-андар оварда рӯй,

Хурӯш омад аз дашт, к-«Эй ростон,[2]
Сари мояи марзи Ҳиндустон.

Сари Фури ҳиндӣ ба хок-андар аст,
Тани пилвораш ба чок-[3]андар аст.

Шуморо кунун аз пайи кист[4] ҷанг,
Чунин захми шамшеру[*5] чандин[6] диранг?

Сикандар шуморо чунон шуд, ки Фур,
Аз ӯ ҷуст бояд кунун базму[7] сур.

Бирафтанд гурдони Ҳиндустон,
Ба овоз гаштанд[8] ҳамдостон.

Сари Фур диданд пурхуну хок,
Бару тан-ш карда ба шамшер чок.

Хурӯше баромад зи лашкар ба зор,
Фурӯ рехтанд олати корзор.

Пур аз дард наздики Қайсар шуданд,
Або[9] нолаву хокбарсар шуданд,

Сикандар силеҳи гавон боз дод,
Ба хубӣ зи ҳар гуна овоз дод.

1. М – буд, сипеҳр
2. Л – аз растаи посбон,
3. Л – мағоқ
4. Л – чист
5. М – чандину
6. Л – размн шамшеру чанге
7. ИЛ – разму
8. Л – Бар ин – бар бигаштанд
9. ИЛМ – Пур аз

www.sattor.com

Чунин гуфт: «Гар Фури ҳиндӣ бимурд,
Шуморо ба ғам дил набояд супурд.

Навозиш кунун мо[1] ба афзун кунем,[2]
Зи дилтон ғаму тарс берун кунем.[3]

В-аз он ҷойгаҳ шуд бари тахти Фур,
Бар он дарду мотам бар ин[4] ҷашну сур.

Чунин аст расми сарои сипанҷ,
Гаҳе шод бош аз ӯ, гаҳ[5] ба ранҷ.

Бихӯр ҳар чӣ дорӣ, манеҳ бозпас,
Ту ранҷӣ, чаро монд бояд ба кас?!

Ҳаме буд бар тахти қайсар ду моҳ,
Бубахшид ганҷаш ҳама бар сипоҳ.

Яке богуҳар буд номаш Савург,
Ба[6] Ҳиндустон паҳлавоне бузург.

Сари тахти шоҳӣ бад-ӯ доду гуфт:
Ки «Динор ҳаргиз макун дар нуҳуфт.

Бубахшу бихӯр, ҳар чӣ ояд фароз,
Бад-ин тоҷу гоҳи сипанҷӣ маноз,

Ки гоҳе Сикандар бувад, гоҳ Фур,
Гаҳе дарду хашму гаҳе[7] базму[8] сур.

Дирам доду динор лашкар-шро,
Биёрост гурдону кишвар-шро.

---

1. Л – ман
2. Л – кунам,
3. Л – кунам.
ТПЗИЛ – Бубахшам саросар ҳама ганҷи ӯй,
Ҳаром аст бар лашкарам ранҷи ӯй.
Ҳама ҳиндувонро тавонгар кунам,
Бикӯшам, ки ботахту афсар кунам.
4. Л – Пур аз ранҷу мотам пур аз
5. И – гаҳе з-ӯ
6. Л – Зи
7. Л – хашм асту гаҳ
8. И – хашму дард асту гаҳ разму.

www.sattor.com

РАФТАНИ ИСКАНДАР БА ЗИЁРАТИ ХОНАИ КАЪБА

Чу лашкар шуд аз хоста бениёз,
Бар ӯ ногузашта замони дароз,[1]

Ба шабгир бархост овои кӯс,
Ҳаво шуд ба кирдори чашми арӯс.

Зи бас найзаву парниёнӣ дирафш
Ситора шуда сурху зарду бунафш.

Сикандар биёмад ба сӯи ҳарам,
Гурӯҳе бар ӯ шоду баҳре дижам.

Або нолаву бӯқу бо пил рафт,
Ба дидор ҷойи Симоил рафт,

Ки хони[2] ҳарамро бароварда буд,
Бад – ӯ-андарун ранҷҳо бурда буд.

Худованд ханди-ш Байтулҳаром,
Бад- ӯ шуд туро роҳи Яздон тамом.

Зи покӣ варо хонаи хеш хонд,
Ниёишкунонро бад-он пеш хонд[3].

Худои ҷаҳонро набошад ниёз
Ба ҷою хӯру кому орому ноз.

Парастишгаҳе буд, то буд ҷой,
Бад-ӯ-андарун ёд кардӣ Худой.

Пас омад Сикандар сӯи Қодисӣ,
Ҷаҳонгир то Ҷаҳрами порсӣ.

Чу огоҳӣ омад ба Насри Қутеб,
К-аз ӯ буд мар Маккаро фарру зеб.

Пазира шудаш бо набарда сарон,
Диловар саворону найзаварон.

---

1. ТПЗ – Ниҳебе ба дил з-он фароз омадаш,
Сӯи Каъба рафтан ниёз омадаш.
2. И – хона
3. И – б. 662 нест.

www.sattor.com

Саворе биёмад ҳам андар замон
Зи Макка ба назди Сикандар дамон,

Ки ин номдоре, ки омад зи роҳ,
Ки ҷӯяд ҳаме тоҷу ганҷу сипоҳ,

Набера Симоили некахтар аст,
Ки пури Бироҳими пайғамбар аст.

Чу пеш омадаш, Наср[1] бинвохташ,
Яке моявар пойгаҳ[2] сохташ.

Бад-ӯ шод шуд Насру гавҳар бигуфт,
Ҳама розҳо баркушод аз нуҳуфт.

Сикандар чунин дод посух бад-ӯй,
Ки «эй покдил меҳтари ростгӯй!

Бад-ин дуда-андар кадом аст меҳ,
Ҷуз аз ту писандидаву рӯзбеҳ?»

Бад-ӯ гуфт Наср: «Эй ҷаҳонгир шоҳ,
Хузо аст меҳтар бад-ин ҷойгоҳ.

Симоил чун з-ин ҷаҳон даргузашт,
Ҷаҳонгир Қаҳтон биёмад зи дашт.

Або лашкари гашни шамшерзан
Ба бедод бигрифт шаҳри Яман.

Басе бегунаҳ з-они мо кушта шуд,
Бар он дудмон рӯз баргашта шуд,

Наёмад ҷаҳонофаринро писанд,
Бар ӯ тира шуд ройи чархи баланд.

Хузоа биёмад, чу ӯ гашт хок,
Ба ранҷу ба бедоду бетарсу бок.

Ҳарам то Яман пок дар дасти ӯст,
Ба дарёи Миср-андарун шасти ӯст.

1. Л – диду
2. И – ҷойгаҳ

www.sattor.com

Сар аз роҳ печидаву дод не,[1]
Зи Яздону некӣ ба дил ёд не.[2]

Ҷаҳоне гирифта ба мушт-андарун,
Нажоди Симоил дил пур зи хун».

Сикандар зи Наср ин суханҳо шунид,
Зи тухми Хузоа ҳар он кас, ки дид,[3]

Ҳама кушту[4] бистад Ҳиҷозу Яман
Ба рою ба мардони шамшерзан.

Нажоди Симоилро баркашид,
Ҳар он кас, ки ӯ меҳтариро сазид.

Пиёда биёмад ба Байтулҳаром,
Симоилиён з-ӯ шуда шодком.

Ба ҳар пай, ки бардошт қайсар зи[5] роҳ,
Ҳаме рехт динор ганҷури шоҳ.

Чу баргашту омад ба даргоҳи қаср,
Бубахшид динор чанде ба Наср.

Тавонгар шуд он кас, ки дарвеш буд,
В-агар хӯрдаш аз кӯшиши хеш буд.

ЛАШКАР КАШИДАНИ ИСКАНДАР СӮИ МИСР

В-аз он ҷойгаҳ шоҳ[6] лашкар биронд,
Ба Ҷидда баромад, фаровон бимонд.

Сипаҳро бифармуд, то ҳар касе
Бисозанд киштиву завраҳ басе.

Ҷаҳонҷӯй[7] бо лашкари роҳҷӯй
Зи Ҷидда сӯи Миср бинҳод рӯй.

1. Л – бупечиду в-аз дод ӯй,
2. Л – Наёрад зи некӣ ба дил ёд ӯй,
3. ТП – Бикушту ба саршон бароҳехт пӯст,
Намонд эҷ аз эшон на душман, на дӯст.
4. ИЛ – Зи бедод
5. И – ба
6. Л – низ; И – шод
7. И – ҷаҳонгир

www.sattor.com

Малик буд Қайтун ба Миср-андарун,
Сипоҳаш зи роҳи гумоне фузун.

Чу бишнид, к-омад зи роҳи ҳарам
Ҷаҳонгири пирӯз бо боду дам,

Пазира шудаш бо фаровон сипоҳ,
Ҳамон бардаву бадраву[1] тоҷу гоҳ.

Сикандар ба дидори ӯ шод гашт,
Ҳама гуфти бадхоҳи ӯ бод гашт.

Ба Миср-андарун буд як сол шоҳ,
Бад-он то баросуд шоҳу сипоҳ,

Зане буд дар Андалус шаҳрёр,
Хирадманду бо лашкаре бешумор.[2]

Ҷаҳонҷӯю бахшанда, Қайдофа ном,
Зи рӯзи беҳӣ ёфта ному ком.

Зи лашкар савори мусаввир биҷуст,
Ки монанд сурат нигорад дуруст.

Бад-ӯ гуфт: «Сӯи Сикандар хиром,
В-аз ин марзу[3] аз мо мабар ҳеҷ ном.

Ба жарфӣ нигаҳ кун, чунон ҳам ки ҳаст
Ба гуфтору дидору ҷойи нишаст.

Зи рангу зи чеҳру зи болои ӯй
Яке сурат оро саропои ӯй.

Нигоранда бишнид аз ӯ, барнишаст,
Ба фармони меҳтар миёнро бубаст.

Ба Миср омад аз Андалус чун наванд,
Бари Қайсар Искандари арҷманд.

1. Л – Або бадраву ёраву
2. Л – номдор
3. Л – Аз ин марз в-аз

www.sattor.com

Чи бар гоҳ дидаш, чи бар пушти зин,
Биёвард қиртосу авранди[1] Чин.

Нигори Сикандар, чунон ҳам ки буд,
Нигориду з-он[2] ҷой баргашт зуд.

Чу Қайдофа чеҳри[3] Сикандар бидид,
Ғамӣ[4] гашту бинҳуфту дам даркашид.

Чунин гуфт, к-«Ин мард гетӣ ба пой
Бикӯбад ба разму ба покиза рой.

Ҳар он кас, ки пеш ояд ӯро ба ҷанг,
Шавад дар ҷаҳон зиндагониш танг».

Сикандар зи Қайтун бипурсиду гуфт,
Ки «Қайдофаро бар замин кист[5] ҷуфт?»

Бад-ӯ гуфт Қайтун ки, «Эй шаҳрёр,
Чун ӯ нест андар ҷаҳон номдор.

Шумори сипоҳаш надонад касе,
Магар бод ҷӯяд зи дафтар басе.

Зи ганҷу бузургию шоистагӣ,
Зи оҳистагӣ, ҳам зи боистагӣ.

Ба рою ба гуфтор некигумон[6]
Набинӣ[7] ҳамонанди ӯ дар замон.

Яке шорсон карда дорад зи санг,
Ки настонад онро зи чангаш паланг.

Замин чор фарсанг болои ӯй,
Бар ин ҳамнишон низ паҳнои ӯй,.
Гар аз ганҷ пурсӣ, худ андоза нест,
Суханҳои ӯ дар ҷаҳон тоза нест.

1. Л - дебои
2. Л – Нигорид в-аз
3. И – рӯи
4. И – Ғамин
5. ИЛ – нест
6. ИЛ – некугумон
7. Л – Набинад

www.sattor.com

НОМАИ ИСКАНДАР НАЗДИ ҚАЙДОФА

Сикандар чу бишнид аз ин ёдгир,[1]
Бифармуд, то пеши ӯ шуд дабир.

Набиштанд пас номае бар ҳарир
Зи шоҳаншаҳ Искандари шаҳргир.[2]

Ба наздики Қайдофаи ҳушманд,
Шуда номи ӯ дар бузургӣ баланд.

Нахуст офарин бар Худованди меҳр,
Фурӯзандаи моҳу гардонсипеҳр.

Худованди бахшандаи доду рост,
Фузунӣ касеро диҳад, к-аш ҳавост.

Ба тундӣ начустем ҷанги[3] туро,
Гироянда гаштем санги[4] туро.

Чу ин нома оранд наздики ту,
Дурахшон шавад ройи торики ту.

Фиристӣ ба наздики мо божу сов,
Бидонӣ, ки бо мо туро нест тов.

Хирадмандиву пешбинӣ бувад,
Тавоноиву покдинӣ бувад.[5]

В-агар ҳеҷ тоб андарорӣ ба кор,
Набинӣ ба ҷуз гардиши рӯзгор.

Чу андоза гирӣ зи Дорову Фур,
Худ омӯзгорат набояд[6] зи дур.

Чу аз бод унвони ӯ гашт хушк,
Ниҳоданд мӯҳре бар ӯ-бар зи мушк.

---

1. Л – доругир
2. Л – шеравжан Искандари шергир; И – шергир.
3. Л – начӯем гоҳи
4. Л – роҳи
5. И – б. 728 нест.
6. Ил – наёяд

www.sattor.com

Биёмад ҳаюне таковар ба[1] роҳ
Ба фармони[2] он номбардор шоҳ.

Чу Қайдофа он номаи ӯ бихонд,
Зи гуфтори ӯ дар шигифтӣ бимонд.

Ба посух нахуст офарин густорид,
Бад-он додгар, к-ӯ замин густорид.

Яке чархи гарданда барпой кард,
Баду некро андар ӯ ҷой кард.

Туро кард фирӯз бар Фури Ҳинд,
Ба Дорову бар номдорони Синд.

Ба пирӯзӣ андар сарат гашт каш[3]
Аз он номдорони шамшеркаш.

Маро бо чу[4] эшон баробар ниҳӣ,
Ба сар-бар зи пирӯзӣ[5] афсар ниҳӣ.

Маро з-он фузун аст фарру меҳӣ,[6]
Ҳамон лашкару ганҷи шоҳаншаҳӣ,

Ки ман Қайсареро ба фармон шавам,
Битарсам[7] зи таҳдиду печон шавам.

Ҳазорон ҳазорам ба дар[8] лашкар аст,
Ки бар ҳар саде шаҳрёре[9] сар аст.

В-агар хонам аз ҳар сӯе зердаст,
Намонад бар ин бум ҷойи нишаст.

Яке ганҷ дар пеши ҳар меҳтаре,
Чу оянд аз ин[10] марзи ман лашкаре.

1. Л – хаюни таковар зи
2. Л – наздики
3. И – х(в)аш
4. Л – чун бар
5. Л – фирӯза
6. ИЛ – б. нест.
7. Ил – Бупечам
8. Л – Ҳазорам ҳазорон фузун
9. Л – шаҳриёре
10. Л – оранд аз

www.sattor.com

Ту чандин ч-ронӣ сухан пургазоф,
Зи Доро шудастӣ худованди лоф.

Бар он нома-бар мӯҳри заррин ниҳод,
Ҳайюне барафканд бар сони бод.

ГИРИФТОР ШУДАНИ ПИСАРИ ҚАЙДОФА БА ДАСТИ РУМИЁН

Чу Искандар он номаи ӯ[1] бихонд,
Бизад нойи рӯину лашкар биронд.

Ҳаме рафт як моҳ пӯён ба роҳ,
Чу омад сӯи[2] марзи ӯ бо сипоҳ.

Яке подшаҳ буд, Фарён ба ном,
Або лашкару ганҷу густурда ком.

Яке шорсон дошт бо сози ҷанг,
Сари бораи ӯ надидӣ куланг.

Биёвард лашкар, гирифт он ҳисор,
Бар он бораи диж гузаштӣ савор.

Сикандар бифармуд, то ҷосалиқ
Биёвард арродаву манҷаниқ.

Ба як ҳафта баста[3] ҳисори баланд,
Ба шаҳр андаромад сипоҳ арҷманд.

Сикандар чу омад ба шаҳр-андарун,
Бифармуд, то кас нарезанд хун.

Яке пури Қайдофа домод буд,
Бад-ин шаҳри Фарён бад-ӯ шод буд.

Бад-ӯ дода буд духтари арҷманд,
Кулоҳаш ба Қайдофа гашта баланд,

1. Л –вай
2. Л – бад-он
3. Ил – бистуд.

www.sattor.com

Ки домодро ном буд Қайдрӯш,
Бад-ӯ дода Фарён[1] дилу чашму гӯш.[2]

Яке мард буд, -номи ӯ Шаҳргир,
Ба дасташ зану шӯй гашта асир.

Сикандар бидонист, к-он мард кист,
Ба сар шуд, ки дармони ин кор[3] чист.

Бифармуд, то пеши ӯ шуд вазир,
Бад-ӯ дод фармону тоҷу сарир.

Хирадмандро Битақун буд ном,
Яке ройзан марди густурдаком.

Бад-ӯ гуфт к-«Оранд[4] пешат арӯс,
Туро хонам[5] Искандари Файлақус.

Ту биншин ба оин ба тахти[6] каён,
Чу ман пешат оям камар бар миён,

Бифармой, то гардани Қайдрӯш
Бибуррад дижогоҳи ҷангӣ зи дӯш.

Ман оям ба пешат ба хоҳишгарӣ,
Намоям фаровон туро кеҳтарӣ.

Нишастангаҳе соз бе анҷуман,
Чу хоҳиш физоям, бубахшаш ба ман.

Шуд он марди дастур бо дард ҷуфт,
Надонист,[7] к-онро ч-бошад нуҳуфт?

В-аз он пас бад-ӯ гуфт шоҳи ҷаҳон,
Ки ин роз[8] бояд, ки монад ниҳон.

---

1. Л – буд ӯ
2. ТПЗ – Ба ҷанг-андарун кушта шуд шоҳи шаҳр,
   Ки аз чархи гардон чунон ёфт баҳр.
3. Л – Биҷуст он, ки дармони ин дард
4. Л – бифармой, к-ояд ба.
5. Л – хонд
6. Л – ба оину расми
7. ИЛ – Бидонист
8. И – кор

www.sattor.com

Маро чун фиристодагон пеш хон,
Суханҳои Қайдофа чанде бирон.

Маро шод бифрист бо даҳ савор,
Ки рав, номаро[1] зуд посух биёр.[2]

Бад-ӯ Битақун гуфт: «Эдун кунам,
Ба фармон-бар ин чора афзун кунам.

Ба шабгир чун шед ханҷар кашид,
Шаби тира аз бим шуд нопадид,

Нишаст аз бари тахт-бар[3] Битақун,
Пур аз шарм рухсору дил пур зи[4] хун.[5]

Сикандар ба пеш-андарун бо камар,
Кушода раҳи чораву баста дар.

Чу он пури Қайдофаро Шаҳргир
Биёвард гирён гирифта[6] асир,

Занаш ҳамчунон низ бо бӯю ранг,
Гирифта ҷавон чанги ӯро ба чанг.

Сабук Битақун гуфт, к-«Ин мард кист,
К-аш аз дард чандин бибояд гирист?»

Чунин дод посух, ки «Боз ор ҳуш,
Ки ман пури Қайдофаам Қайдруш,

Ҷуз ин духти Фарён маро нест ҷуфт,
Ки дорад паси пардаи ман нуҳуфт.

Бирафтам, ки ӯро сӯи хони хеш
Барам, то бидорам-ш чун ҷони хеш.

Асирам кунун дар кафи Шаҳргир,
Равон хаста аз ахтару тан ба тир».

---

1. Л – нома бар
2. ТПЗ – Ба ҳамроҳ кун мар маро Қайдруш,
   Аз ӯ сарбасар ин суханҳо бипӯш
3. Л – тахти зар
4. Л – рух дил пур аз оби
5. И –б. 771, 772 нест.
6. И – гирёну карда

www.sattor.com

Чу бишнид аз ӯ ин сухан Битақун,
Сараш гашт пурдарду дил пур зи хун.

Барошуфт, аз он пас ба дажхим гуфт,
Ки «ин ҳар дуро[1] хок бояд нуҳуфт.

Чунин ҳам ба банд андарун бо занаш
Ба шамшери ҳиндӣ бизан гарданаш».

Сикандар биёмад, замин бӯса дод,
Бад-ӯ гуфт, к-«Эй шоҳи қайсарнажод,

Чӣ бошад, гар ӯро бубахшӣ ба ман,
Сарафроз гардам бад-ин анҷуман?

Сари бегуноҳе чӣ буррӣ ба кин,
Ки напсандад аз мо ҷаҳонофарин».

Бад-ӯ гуфт бедордил Битақун,
Ки «Озод кардӣ ду танро зи хун»,

Сабук Битақун гуфт бо Қайдрӯш,
Ки «Бурдӣ[2] сари дурмонда зи дӯш.

Фиристам кунун бо ту ӯро ба ҳам,
Бихонад ба модар-т-бар бешу кам.

Агар сову божам фиристад, накӯст,
Касеро надаррад бад-ин ҷанг пӯст.

Нигаҳ кун бар ин пок дастури ман,
Ки гӯяд бад-ӯ разм ё сури ман.

Ту он кун ба хубӣ, ки ӯ бо ту кард,
Ба подош кушад дили родмард.

Чу ин посухи нома ёбад зи шоҳ,
Ба хубӣ варо бозгардон зи[3] роҳ».

Чунин гуфт бо Битақун Қайдруш.
К-«аз ӯ барнадорам дилу чашму гӯш.

1. И – пур дар
2. Л – Бибурдӣ
3. Л – ба

www.sattor.com

Чӣ гӯям, ки ӯро бидорам чу ҷон,
К-аз ӯ ёфтам ҷуфту ҷону ҷаҳон.

РАФТАНИ ИСКАНДАР БА РУСУЛ СӮИ ҚАЙДОФА

Ҷаҳонҷӯй даҳ номвар баргузид
Зи мардони румӣ, чунон чун сазид,

Ки буданд ҳар даҳ ҳамовози ӯй,
Нигаҳ доштандӣ ба дил рози ӯй».

Чунин гуфт к-«акнун ба роҳ-андарун
Махонед моро ба ҷуз Битақун.

Ҳаме рафт пеш-андарун Қайдрӯш,
Сикандар супурда бад-ӯ чашму гӯш.[1]

Чу оташ ҳаме ронд меҳтар сутур,
Ба кӯҳе расиданд, сангаш булӯр.

Ба ӯ бар зи ҳар гунае мевадор,
Фаровон гиё буд бар кӯҳсор.

Бирафтанд аз он кӯҳ пӯён ба роҳ,
Бар он буму бар, к-андар он буд шоҳ.

Чу Қайдофа огаҳ шуд аз Қайдруш,
Зи баҳри писар паҳн букшод гуш.

Пазира шудаш бо сипоҳи гарон,
Ҳама номдорону некахтарон.

Писар низ чун рӯйи[2] модар бидид,
Пиёда шуду офарин густарид.

Бифармуд Қайдофа то барнишаст,
Ҳаме ронд дасташ гирифта ба даст.

Бад-ӯ Қайдрушончи гуфту шунид,
Ҳаме гуфту ранги рухаш нопадид,

1. И-б. 797- 799 нест.
2. И – руху рӯи

www.sattor.com

Ки бар шаҳри Фарён чӣ омад зи ранҷ,
На монд афсару тахту лашкар, на ганҷ.

Маро ин ки ояд ҳаме бо арӯс,
Раҳо кард аз Искандари Файлақус.

В-агарна бифармуд, то гарданам
Зананду бисӯзанд б-оташ[1] танам.

Кунун ҳар чӣ хоҳад, зи хубӣ бикун,
Бар ӯ ҳеҷ машкан ба посух сухун».

Чу бишнид Қайдофа ин аз писар,
Дилаш гашт аз он дард зеру забар.

Аз айвон фиристодаро пеш хонд,
Ба тахти гаронмоягон[2] барнишонд.

Фаровон бипурсиду бинвохташ,
Яке моявар ҷойгаҳ сохташ.

Фиристод ҳар гунае хӯрданӣ
Зи пӯшиданӣ, ҳам зи густурданӣ.

Бибуд он шабу бомдоди пагоҳ
Ба пурсиш биёмад ба даргоҳи шоҳ.

Парастандагон парда бардоштанд,
Бар аспаш зи даргоҳ бугзоштанд.

Чу Қайдофаро дид бар тахти оҷ,
Зи ёқуту пирӯза бар сар-ш тоҷ,

Фаровон парастанда пешаш ба пой,
Зи зарбафт пӯшида маккиқабой.[3]

Зи бар пӯшиши ҷизъ баста ба зар,
Бар ӯ бофта чашмҳои гуҳар.

Рухи шоҳ тобон ба кирдори хур,
Нишастангаҳашро сутунҳо булӯр.

1. И – ба оташ бисӯзад
2. И – гаронмоягӣ
3. Л – чиниқабой.

www.sattor.com

Парастанда бо тавқу бо гӯшвор,
Ба пой-андарун кафши гавҳарнигор.

Сикандар бад-он дар шигифтӣ бимонд,
Фаровон ниҳон номи Яздон бихонд.

Нишастангаҳе дид қайсар, ки низ
Наёмад варо Руму[1] Эрон ба чиз.

Бари меҳтар омад, замин дод бӯс,
Чунон, чун бувад мардуми чоплус.

Варо дид Қайдофа, бинвохташ,
Бипурсид бисёру[2] биншохташ.

Чу хуршеди тобон зи гунбад бигашт,
Гаҳи бори бегона андаргузашт,

Бифармуд, то хон биёростанд,
Навозандаву[3] руду май хостанд.

Ниҳоданд як хона хонҳои соҷ,
Ҳама кавкабаш зарру пайкар зи оҷ.

Хуришҳо беандоза оварда шуд,
Май овард, чун хӯрданӣ х(в)арда шуд.

Табақҳои заррину симин ниҳод,
Нахустин зи Қайдофа карданд ёд,

Ба май хӯрдан-андар гаронмоя шоҳ
Фузун кард сӯи Сикандар нигоҳ.[4]

Ба ганҷур гуфт он дурахшон ҳарир
Набишта бар ӯ сурати дилпазир.

Ба пеши ман овар чунин ҳам, ки ҳаст,
Ба тундӣ бар ӯ ҳеҷ мапсой даст.

1. Л – буми
2. Л – Фаровон бипурсиду
3. Л – Парастандаву
4. И –б. -829-832 нест.

www.sattor.com

Биёвард ганҷуру бинҳод пеш,
Чу дидаш, нигаҳ кард з-андоза беш.

Ба чеҳри Сикандар накӯ бингарид,
Аз он сурат ӯро ҷудоӣ надид.

Бидонист Қайдофа, к-ӯ қайсар аст,
Бад-он лашкари номвар меҳтар аст.

Фиристода кардаст аз хештан,
Далер омадаст ӯ бад-ин анҷуман.

Бад-ӯ гуфт к-«Эй марди густурдаком,
Биё,[1] то чӣ додат Сикандар паём?»

Чунин дод посух, ки «Шоҳи ҷаҳон
Сухан гуфт бо ман миёни меҳон,

Ки Қайдофаи покдилро бигӯй,
Ки ҷуз ростӣ дар замона маҷӯй!

Нигар, сар напечӣ зи фармони мо,
Нигаҳ дор бедор паймони мо.

В-агар ҳеҷ тоб андарорӣ ба дил,
Биёрам яке лашкари дилгусил.[2]

Нишони ҳунарҳои ту ёфтам,
Ба ҷанг омадам, тез наштофтам.

Хирадмандиву шарм наздики туст,
Ҷаҳон эмин аз ройи борики туст.

Кунун гар натобӣ сар аз божу сов,
Бидонӣ, ки бо мо надорӣ ту тов,

Набинӣ ҷуз аз хубиву ростӣ,
Чу печӣ сар аз кажживу костӣ».

1. Л – Бигӯ
2. ТПЗ – Барорам димор аз ҳама лашкарат,
Ба оташ бисӯзам ҳама кишварат.

www.sattor.com

Барошуфт Қайдофа, чун он шунид,
Ба ҷуз[1] хомушӣ ҳеҷ дармон надид.

Бад-ӯ гуфт, к-«Акнун раҳи хона гир,
Биёсой бо мардуми дилпазир.

Чу фардо биёӣ ту, посух диҳем,
Ба баргаштанат ройи фаррух ниҳем.

Сикандар биёмад сӯи хони хеш,
Ҳама шаб ҳаме сохт дармони хеш.

Чу сар зад бар[2] аз кӯҳ равшанчароғ,
Чу дебо фурӯзанда шуд дашту роғ,

Сикандар биёмад бад-он боргоҳ,
Ду лаб пур зи ханда, дил аз ғам сиёҳ.[3]

Фиристодаро дид солори бор,
Бипурсиду бурдаш бари[4] шаҳрёр.

Ҳама кохи ӯ пур зи бегона дид,[5]
Нишасташ булӯрин яке хона дид.[6]

Ақиқу забарҷад бар ӯ-бар нигор,
Миён-андарун гавҳари шоҳвор,

Заминаш ҳама сандалу чӯби уд,
Зи ҷазъу зи фирӯза ӯро амуд.

Сикандар фурӯ монд аз он ҷойгоҳ,
Аз он фарру авранду он дастгоҳ.

Ҳаме гуфт, к-«Инат сарои нишаст,
Набинад чунин ҷой яздонпараст».

Хиромон биёмад ба наздики шоҳ,
Ниҳоданд заррин яке пешгоҳ.[7]

---

1. Л – Ҷуз аз
2. ИЛ – Чу бар зад сар
3. И – Равон пур зи ҳама, дил аз ғам табоҳ.
4. Л – сӯи
5. Л – буд
6. Л – буд.
7. ИЛ – зергоҳ.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт Қайдофа, к-«Эй Битақун,
Чаро хира гаштӣ ба кох[1]-андарун.

Ҳамоно, ки чунин набошад ба Рум,
Ки осема гаштӣ бад-ин моя бум»?[2]

Сикандар бад-ӯ гуфт, к-«Эй шаҳрёр,
Ту ин хонаро хормоя мадор.

Азеро зи[3] шоҳон сараш[4] бартар аст,
Ки дарёи[5] ту маъдани гавҳар[6] аст,

Бихандид Қайдофа аз кори ӯй,
Дилаш гашт хуррам зи гуфтори[7] ӯй.

В-аз он пас гусӣ кард касҳои хеш,
Фиристодаро танг биншонд пеш.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй зодаи Файлақус,
Ҳамат базму разм асту ҳам нӯъму бӯс».[8]

Сикандар зи гуфтори ӯ гашт зард,
Равон пур зи дарду рухон лоҷвард.

Бад-ӯ гуфт, к-«эй меҳтари пурхирад,
Чунин гуфтан аз ту на андархурад.

Сипосам зи Яздони парвардгор,
Ки бо ман набуд меҳтаре номдор,

Ки бурдӣ ба шоҳи ҷаҳон огаҳӣ,
Танамро зи ҷон зуд кардӣ тиҳӣ.

Манам Битақун-кадхудои ҷаҳон,
Чунин баччаи Файлақусам махон.

1. Л – Чӣ хира бимондӣ ба чизъ
2. Л – тозабум.
3. Л – Аз айвони
4. И – Аз Эрон зи шоҳон сарат.
5. Л – айвони
6. И – Ба дарёи ту беадад гавҳар.
7. ИЛ – бозори
8. ТПЗ – Далер омадӣ пеши ман божхоҳ,
Надонам, туро ин кӣ бинмуд роҳ.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт, Қайдофа к-«Аз доварӣ
Лабатро бипардоз, к-Исканадарӣ.

Агар чеҳраи хеш бинӣ ба чашм,
Зи чора биёсою манмой хашм».

Биёварду бинҳод пешаш ҳарир,
Набишта бар ӯ сурати дилпазир,

Ки гар ҳеҷ ҷунбиш будӣ дар нигор,
Набудӣ ҷуз Искандари шаҳрёр.

Ба дандон Сикандар бихоид лаб,
Бар ӯ тира шуд рӯз чун тирашаб.

Ҳаме гуфт, беханҷаре дар ниҳон,[1]
Мабодо, ки бошад касе дар ҷаҳон.

Бад-ӯ гуфт Қайдофа:«гар ханҷарат
Ҳамоил буд-пеши ман дар барат,

На нерӯт будӣ, на шамшер тез,
На ҷойи набарду на роҳи гурез».

Сикандар бар ӯ гуфт: «ҳаргиз меҳон-
Ба мардӣ бувад хостори ҷаҳон.

Намояд, ки печад зи роҳи газанд,
Ки баддил ба гетӣ нагардад баланд.

Агар бо ман астӣ силеҳам[2] кунун,
Ҳама хона гашт-чу дарёи хун.

Туро куштаме, гар ҷигаргоҳи хеш,
Бидарридаме пеши бадхоҳи хеш».

ПАНД ДОДАНИ ҚАЙДОФА ИСКАНДАРРО

Бихандид Қайдофа аз кори ӯй,
В-аз он мардиву тунд гуфтори ӯй.

1. Л – Бидид он.
2. Л - силоҳам

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй хусрави шерфаш,
Ба мардӣ магардон сари хеш каш.

На аз фарри ту кушта шуд Фури Ҳинд,
На Дорои Доробу гурдони Синд,

Ки баргашт рӯзи бузургони даҳр,
Зи ахтар туро бештар буд баҳр.

Ба мардӣ ту густох гаштӣ чунин,
Ки меҳтар шудӣ бар замону замин.

Ҳама некуиҳо зи Яздон шинос,
В-аз ӯ дор, то зинда бошӣ, сипос.

Ту гуфтӣ, ки дониш ба гетӣ марост,
Набинам ҳаме гуфтугӯи ту рост.

Куҷо оварад дониши ту баҳо,
Чу[1] ойӣ чунин дар дами аждаҳо.

Бидӯзӣ ба рӯзи ҷавонӣ кафан,
Фиристодае созӣ аз хештан.

Маро нест оини хун рехтан,
На бар хира бо меҳтар овехтан.

Чу шоҳе ба коре тавоно бувад,
Бубахшояд аз дод, доно бувад.

Чунон дон, ки резандаи хуни шоҳ
Ҷуз оташ набинад ба фарҷом гоҳ.

Ту эмин бибошу ба шодӣ бирав,
Чу рафтӣ, яке кор барсоз нав,.

К-аз ин пас наёӣ ба пайғамбарӣ,
Туро хок донад, ки Искандарӣ.

Надонам касеро зи гарданкашон,
Ки аз чеҳри ӯ ман надорам нишон.

1. Л – Ки

www.sattor.com

Нигорида ҳам з-ин нишон бар ҳарир
Ниҳода ба наздикии ёдгир.

Бар ӯ рондам ҳукми ахтаршинос,
К-аз ӯ эминӣ бошадам ё ҳарос.

Чу бахшанда шуд хусрави ройзан,
Замона бигӯяд ба марду ба зан.

Ту то эдарӣ, Битақун хонамат,
Бар ин ҳамнишон дур биншонамат,

Бад-он то надонад касе рози ту,
Ҳамон нашнавад ному овози ту.

Фиристам-т бо некувӣ боз ҷой,
Ту бояд, ки бошӣ худованди рой.

Ба паймон, ки ҳаргиз ба фарзанди ман,
Ба шаҳри ману хешу пайванди ман,

Набошӣ бадандеш ё бадсигол,
Ба кишвар нахонӣ маро ҷуз ҳамол».

Сикандар шунид ин сухан, шод гашт,[1]
Зи тимору баргаштан[2] озод гашт.[3]

Ба дидори доранда савганд х(в)ард,
Ба дини Масеҳу ба теғи набард,[4]

Ки «То буму бор асту фарзанди ту,
Бузургон, ки бошанд пайванди ту,

Насозам ҷуз аз хубиву ростӣ,
Наяндешам аз кажживу костӣ».

Чу савганд шуд хӯрда, Қайдофа гуфт;
Ки «Ин панд бар ту набояд нуҳуфт,

---

1. Л - шуд,
2. Л – тимор в-аз кушман; И – тимори бад гаштан,
3. Л – шуд.
4. Л – Ба рӯзи сапеду шаби лоҷвард.

www.sattor.com

Чунон дон, ки Тайнуш фарзанди ман,
Камандеша[1] аз донишу панди ман,

Яке бодсор асту домоди Фур,
Набояд, ки донад зи наздику дур,

Ки ту бо Сикандар зи ҳампӯстӣ,[2]
В-ар эдун, ки бо ӯ ба дил дӯстӣ,

Ки ӯ аз пайи Фур кин оварад,
Ба ҷанг осмон бар замин оварад.

Кунун шоду хуррам ба айвон хиром,
Зи тимори гетӣ мабар ҳеҷ ном».

ЧОРА НАМУДАНИ ИСКАНДАР БО ТАЙНУШ

Сикандар биёмад диле ҳамчу кӯҳ,
Ки андешад[3] аз марг донишпажӯҳ.

Набудаш зи Қайдофа чин бар бурӯ,
Набардошт ҳаргиз дил аз орзу.

Бибуд он шабу бомдоди[4] пагоҳ
Зи айвон биёмад ба наздики шоҳ.

Сипаҳдор дар хон биёраста буд,
Ҳама гирд бар гирди ӯ даста буд.[5]

Сари хонаро пайкар аз ҷизъу зар,
Ба зар-андарун чанд гуна гуҳар.

Ба пеш-андарун дастаи мушкбӯй,
Ду фарзанди шоиста дар пеши ӯй.

Чу Тайнуши аспафкану Қайдрӯш,
Ниҳода ба гуфтори Қайдофа гӯш.[6]

1. ИЛ – Кам андешад
2. Л – як пӯстӣ
3. Л – Раҳо гашта
4. И – бомдодон.
5. И – б. 921 нест.
6. И – б. 924 нест.

www.sattor.com

Ба модар чунин гуфт кеҳтар писар,
Ки «Эй шоҳи некахтари[1] додгар,

Чунон кун, ки аз пеши ту Битақун
Шавад шоду хушнуд бо раҳнамун.

Ба раҳбар, касе то наёзорадаш,
В-ар аз душманон низ нашморадаш,

Ки зиндакуни пок ҷони ман ӯст,
Бар онам, ки равшан ҷаҳони ман ӯст».

Бад-ӯ гуфт модар, ки «Эдун кунам,
Ки ӯро бузургӣ ба афзун кунам».

Ба Искандар он номвар шоҳ гуфт,
Ки «пайдо кун акнун ниҳон аз нуҳуфт.

Чӣ хоҳиву ройи Сикандар ба чист?
Чӣ донӣ ту аз шоҳу дастур чист?»

Сикандар бад-ӯ гуфт к-«эй сарфароз,
Ба назди ту шуд будани ман дароз.

Маро гуфт, шав, божи марзаш бихоҳ,
В-агар дер монӣ, биёрам сипоҳ.

Намонам бад-ӯ кишвару тоҷу тахт,
На рӯзу на шодӣ[2], на фарру на бахт.

ОШУФТАНИ ТАЙНУШ - ПИСАРИ ҚАЙДОФА БАР СИКАНДАР ВА ЧОРА НАМУДАНИ СИКАНДАР БО Ӯ

Чу Тайнуш гуфти Сикандар шунид,
Ба кирдори боди дамон бардамид.

Бад-ӯ гуфт, к-«эй нокаси бехирад,
Туро мардум аз мардумон нашмарад.

Надонӣ, ки пеши кӣ дорӣ нишаст
Бари шоҳ маншину манмой даст!

1. И – некахтару
2. Л – На зӯру на шоҳӣ; И – На зӯру на шодӣ

www.sattor.com

Сарат пур зи тезиву кундоварист,
Нагӯйӣ маро худ, ки шоҳи ту кист?

Агар нестӣ фарри ин номдор,
Сарат кандаме чун турунҷе зи бор!

Ҳам имшаб саратро ман аз дарди Фур
Ба лашкар намоям, зи тан карда дур».

Яке бонг барзад бад-ӯ модараш,
Ки осематар гашт ҷангӣ сараш.

Ба Тайнуш гуфт: «Ин на гуфтори ӯст,
Бар он дар, ки ӯро фиристод пӯст».[1]

Бифармуд, к-ӯро ба берун кунед,[2]
Зи пеши нишасташ ба ҳомун кунед.[3]

Чунин гуфт пас бо Сикандар ба роз,
Ки Тайнуши бедониши девсоз

Набояд, ки андар ниҳон чорае
Бисозад газандеву патёрае.

Ту донишпажӯҳиву дорӣ хирад,
Нигаҳ кун бад-ин, то чӣ андарх(у)рад.

Сикандар бад-ӯ гуфт, к-«ин аст рост,
Ту Тайнушро бозхонӣ, равост».

Ҷаҳондор фарзандро бозхонд,
Бад-он номвар боргоҳаш нишонд.

---

1. И – б-ӯст; Л – дӯст.
2. Л – к-инро ба берун баранд.
3. Л – нишастан ба ҳомун баранд;
ТПЗ – Пас он гаҳ бад-ӯ гуфт к-«эй тундрӯй,
Нашояд, ки бинмоӣ ин зиштхӯй.
Бародар-тро Кайдаруш ӯ зи шоҳ
Раҳониду омад бад-ин боргоҳ.
Ту бо ӯ чунин бадзабонӣ кунӣ,
Чунин тундиву дилгаронӣ кунӣ,
Писар шуд ба берун пур аз дарду хашм,
Зи хуни ҷигар сурх карда ду чашм.

www.sattor.com

Сикандар бад-ӯ гуфт к-«эй номдор,
Агар коми дил хоҳӣ, ором дор.[1]

Ман аз ту бад-ин кин нагирам ҳаме,
Сухан ҳар чи гӯйӣ, пазирам ҳаме.

Маро ин нажандӣ зи Искандар аст,
Куҷо шоҳи ботахту боафсар аст.

Бад-ин сон фиристодаам ман зи шоҳ,
Ки аз номвар меҳтаре бож хоҳ.

Бад-он то ҳар он бад, ки хоҳад расид,
Ба рӯйи ман ояд зи душман падид.[2]

Варо ман бад-ин рӯз посух диҳам,
Яке шоҳро ройи фаррух ниҳам.

Агар дасти ӯ ман бигирам ба даст,
Ба назди ту орам зи ҷойи нишаст.

Бад-он сон, ки бо вай набошад сипоҳ,
На шамшер бинӣ, на тахту кулоҳ.

Чӣ бахшӣ ту з-ин подшоҳӣ маро?
Чӣ бинмоӣ аз некхоҳӣ маро?

Чу бишнид Тайнуш, гуфт: «Ин сухан
Шунидам, набояд ки гардад куҳан.

Гар инро, ки гуфтӣ, ба ҷой оварӣ,
Бикӯшиву покиза рой оварӣ,

Ман аз ганҷу аз бадраву ҳар чӣ ҳаст,
Зи аспону мардони хусравпараст,

1. И – б. 943 – 949 нест.
2. ТПЗ – Ту, эй шоҳзода, шунав ин сухун,
Ба ман – бар дигар хашму тундӣ макун,
Ки ман худ аз ӯ сахт озурдаам.
Ба дил чораи куштанаш кардаам.
Ман ӯро ба дасти ту андарниҳам,
Ҷаҳон з-ӯ раҳад, ман равандараҳам.
Туро нест огоҳӣ аз рози ман,
В-аз андешаҳои накӯсози ман.

www.sattor.com

Туро бахшаму низ дорам сипос,
Ту бошӣ ҷаҳонгиру некишинос.

Яке некдастур бошӣ маро,
Бад-ин марз ганҷур бошӣ маро».

Сикандар баромад зи ҷойи нишаст,
Бад-ин аҳд бигрифт дасташ ба даст.

Бипурсид Тайнуш к – «ин чун кунӣ,
Бад-ин ҷодуӣ-бар чӣ афсун кунӣ?»

Бад-ӯ гуфт: «чун боз гардам зи шоҳ,
Ту бояд, ки бо ман биёӣ ба роҳ.

Зи лашкар биёрӣ саворе ҳазор,
Ҳама номдор аз дари корзор.

Ба ҷое яке беша дидам ба роҳ,
Нишонам туро дар камин бо сипоҳ.[1]

Шавам ман зи пеши ту дар пеши ӯй,
Бубинам равони бадандеши ӯй.

Бигӯям, ки чандон фиристод чиз,
К-аз он пас наяндешӣ аз чиз низ.[2]

Фиристода гӯяд, ки «Ман назди шоҳ
Наёрам шудан дар миёни сипоҳ.[3]

Агар шоҳ бинад, ки бо мӯбадон
Шавад пеши Тайнуш бо бихрадон,

Чу бинад-ш, бипзирад он хоста,
Зи ҳар гунае ганҷи ороста.

Биёяд, чу бинад туро бесипоҳ,
В-агар бозгардад, кушодаст роҳ.

1. Л – камингоҳи шоҳ;
2. ТПЗ – Ҳамон пури меҳтар, ки Тайнуш ном
Ба шоҳ оварида дуруду паём.
3. И – б. 968 – 970 нест.

www.sattor.com

Чу ӯ бишнавад чарб гуфтори ман,
Наяндешад аз банду бозори ман.

Биёяд бад-он соя зери дарахт,
Зи ганҷур май хоҳаду тоҷу тахт.

Ту ҷангисипаҳ гирди ӯ андарор,
Баросой аз гардиши рӯзгор.

Мукофоти ман бошаду коми ту,
Наҷӯяд касе з-он пас ороми ту.

Чу ӯро гирифтӣ, ман они туам,
Чу фармоиям, посбони туам.

Раванда бад-он гаҳ бувад кори ман,
Барафрӯхта тез[1] бозори ман,

Ки орӣ ту эдар басе хоста,
Парастандаву аспи ороста».

Чу Тайнуш бишнид, аз ӯ шод гашт,
Ба сони яке сарви озод гашт.

Чунин дод посух, ки «дорам умед,
Ки гардад бар ӯ тира рӯзи сапед.

Ба доми ман овезад ӯ ногаҳон,
Ба хунҳо, ки ӯ рехт андар ҷаҳон.

Чу Дорои Доробу гурдони Синд,
Чу Фури далер, он сарафрози Ҳинд,

Чу Қайдофа гуфти Сикандар шунид,
Ба чашми дилаш чораи ӯ бидид.

Бихандид аз он чора дар зери лаб,
Ду буссад ниҳон кард зери қасаб.

Сикандар биёмад зи наздики ӯй,[2]
Пурандеша буд ройи борики ӯй.[3]

1. Л – Низ
2. Л – ӯ,
3. Л – шуд ҷони торики ӯ.

www.sattor.com

ПАЙМОНИ ИСКАНДАР БО ҚАЙДОФА ВА БОЗГАШТАНИ Ӯ

Ҳаме чора ҷуст он шаби дербоз,
Чу хуршед бинмуд чинӣ тароз.

Барафрохт аз кӯҳ[*1] заррин дурафш,
Нагунсор шуд парниёнӣ бунафш.

Сикандар биёмад ба наздики шоҳ,
Парастанда бархост аз боргоҳ.

Ба расме, ки будаш, дуруд оварид,
Ҷаҳондор пеши сипаҳбад чамид.

Зи бегона хона бипардохтанд,
Фиристодаро пеши ӯ тохтанд.[2]

Чу Қайдофаро дид бар тахт, гуфт,
Ки «бо ройи ту муштарӣ бод ҷуфт.

Ба дини Масеҳову гуфтори[3] рост,
Ба донанда[4], к-ӯ бар забонам гувост,

Ба оину дини салиби бузург,
Ба ҷону сари шаҳрёри сутург.

Ба зуннори шаммосу рӯҳ-ул-қудус,
К-аз ин пас маро хок дар Андалус

Набинад, на лашкар фиристам ба ҷанг,
Наёмезам аз ҳар даре низ ранг.

На бо пок фарзанди ту бад кунам,
На фармон диҳам, низ на х(в)ад кунам.

Ба ҷон боз бандам[5] вафои туро,
Наҷӯям ба чизе ҷафои туро.

1. М - хок
2. И – пеш биншохтанд.
3. Л – фармони
4. Л – доранда
5. Л – ёр дорам

www.sattor.com

Бародар бувад, нек хоҳад маро,
Ба ҷойи салиб аст гоҳат маро».

Нигаҳ кард Қайдофа савганди ӯй,
Ягона дилу рост пайванди ӯй.

Ҳама кох курсии заррин ниҳод,
Ба пеш-андар ороиши Чин ниҳод.

Бузургону некахтаронро бихонд,
Якояк бад-он курсии зар нишонд.

В-аз он пас гиромӣ ду фарзандро
Биёварду хешону пайвандро.

Чунин гуфт, к-«Андар сарои сипанҷ
Сазад, гар набошем чандин ба ранҷ.

Набояд, к-аз ин гардиши рӯзгор
Маро баҳра кин ояду корзор.

Сикандар нахоҳад шуд аз ҷанг сер
В-агар осмонро барорад ба зер.

Ҳаме ҷанги мо хоҳад аз баҳри ганҷ,
Ҳама ганҷи гетӣ наярзад ба ранҷ.

Бар онам, ки бо вай насозем ҷанг,
На бар подшоҳӣ кунам кор танг.

Яке посухи пандмандаш диҳем,
Сари ӯ фарозему[1] пандаш диҳем.

Агар ҷанг ҷӯяд пас аз панди ман,
Наяндешад аз банду[2] пайванди ман,

Бар он сон шавам пеши ӯ бо сипоҳ,
Ки бахшоиш орад бар ӯ чарху моҳ.

Аз ин озмоиш надорад зиён,
Бимонад магар дӯстӣ дар миён.

1. ИЛ – Сараш барфарозему
2. Л – Набинад пас аз панд

www.sattor.com

Чӣ гӯеду инро чӣ посух диҳед?
Маро андар ин ройи фаррух ниҳед».

Ҳама меҳтарон сар барафрохтанд,
Ҳаме[1] посухи подшо сохтанд.

Бигуфтанд, к-«эй хусрави рою дод,[2]
Надорад касе чун ту меҳтар ба ёд.

Нагӯйӣ магар он ки беҳтар бувад,
Хунук он киро,[3] чун ту меҳтар бувад.

Агар дӯст гардад туро подшо,
Чӣ хоҳӣ ҷуз ин мардуми порсо?[4]

На ӯ даст ёбад бад-ин[5] ганҷи ту,
Наярзад ҳама ганҷҳо ранҷи ту.[6]

Чу Искандаре к-ӯ биёяд зи Рум,
Ба шамшер дарё кунад рӯйи бум,

Ҳаме аз дарат бозгардад ба чиз,
Ҳама чизи гетӣ наярзад пашиз.

Ҷуз аз оштӣ мо набинем рӯй,
На воло бувад мардуми ҷангҷӯй».

Чу бишнид гуфтори он бихрадон,
Писандидаву покдил мӯбадон,

Дари ганҷ букшоду тоҷи падар,
Биёвард бо ёраву тавқи зар.

Яке тоҷ буд, к-андар он шаҳру марз
Касе гавҳарашро надонист арз.

Фиристодаро гуфт, к-«ин бебаҳост,
Ҳар он кас, ки дорад ҷуз ӯ, норавост.

1. ИЛ – Ҳама
2. Л – меҳтарам дод, родб
3. Л – шаҳр, к-аш
4. Л – хоҳад
5. Л – На осеб монад бар ин
6. И – б. 1019 нест.

www.sattor.com

Ба тоҷи меҳон чун сазо дидамаш[1],
Зи фарзанди пурмоя бугзидамаш.[2]

Яке тахт будаш ба ҳафтод лахт,
Бубастӣ[3] кушояндаи некбахт.

Ба тангӣ[4] як андар дигар бофта,
Ба чора сари шӯша бартофта.[5]

Сари пояҳо чун сари аждаҳо,
Надонист кас гавҳарашро баҳо.

Дар ӯ чорсад гавҳари шоҳвор,
Ҳамон сурхёқут, ҳам з-ин шумор.

Ду будӣ ба мисқол ҳар як ба санг,
Яке донаи нор будӣ ба ранг.

Зумуррад бар ӯ чорсад пора буд,
Ба сабзӣ чу қавси қузаҳ нобисуд.

Кушода шутурвор бар вай чиҳил,
Зане буд чун мавҷи дарё ба дил.

Дигар понсад пора дандони пил,
Чӣ дандон, дарозиш чун мили мил.

Паланге, ки хонӣ ҳаме барбарӣ,
Аз ӯ чорсад пӯст буд бартарӣ.

Зи чарми гавазни муламмаъ ҳазор,
Ҳама ранг бар ранг буд пурнигор.

Дигар сад саги тези[6] нахчиргир,
Ки оҳу варо пеш дидӣ зи тир.

Биёвард аз он пас дусад говмеш,
Парастандаи ӯ ҳаме ронд пеш.

---

1. ИЛ – дидамат,
2. ИЛ – бугзидамат.
3. Л – Ба пеши
4. Л – Пай-жар
5. Л – шӯшаҳо тофта.
6. Л – Сагу юзи; И – нек

www.sattor.com

Зи дебову хаз чорсад тахт низ,
Ҳама тахтҳо карда аз чӯби шиз.

Дигар чор буд тахт[1] аз уди тар,
Ки меҳр андар ӯ гираду ранг зар.

Чу[2] аспи гаронмоя ороста,
Зи айвон[3] бибурданд бо хоста,

Ҳамон теғи ҳиндию ханҷар ҳазор,
Бифармуд бо[4] ҷавшани корзор.

Ҳамон хӯду миғфар ҳазору дувист,
Ба ганҷур фармуд, к-акнун маист,

Ҳама пок бар Битақун баршумор,
Бигӯяш, ки шабгир барсоз кор.

Сапеда чу барзад зи боло дирафш,
Чу кофур шуд рӯйи чархи бунафш.

Замин тоза шуд, кӯҳ чун сандарӯс,
Зи даргоҳ бархост овози кӯс.

Сикандар ба асп андаровард пой
Ба дастурии бозгаштан ба ҷой.

Чу Тайнуши ҷангӣ сипаҳ барнишонд,
Зи майдон[5] ба даргоҳи Қайдофа ронд.

Ба Қайдофа гуфт ӯ, ки «Падруд бош!
Ба ҷон тораву чарзро пуд бош».

Бар ин гуна манзил ба манзил ба роҳ
Ҳаме ронд то пеши ӯ размгоҳ,

Ки лашкаргаҳи номвар шоҳ буд,
Сикандар, ки бо бахт[6] ҳамроҳ буд.

1. Л – тахта
2. ИЛМ – сад
3. ИЛ – майдон
4. Л – то
5. ИЛ – айвон
6. ИЛ – тахт

www.sattor.com

Сикандар бад-он беша бинҳод рахт,
Ки оби равон буд чанде дарахт.

Ба Тайнуш гуфт: «эдар ором гир,
Чу осуда гардӣ, ба каф ҷом гир.

Шавам, ончи гуфтам, ба ҷой оварам,
Зи ҳар гуна покиза рой оварам».

Сикандар биёмад ба пардасарой,
Сипоҳаш бирафтанд яксар зи ҷой.

Ба шодӣ хурӯшидан оростанд,
Кулоҳи каёнӣ биперостанд,

Ки навмед буд лашкар[1] аз номҷӯй,
Кӣ донист, к-аш боз бинанд рӯй.

Сипаҳ бо забонҳои боофарин
Якояк ниҳоданд сар бар замин.

Зи лашкар гузин кард пас шаҳрёр
Аз он номдорони румӣ ҳазор.

Зиреҳдор бо гурзаи говрӯй,
Бирафтанд гурдони пархошҷӯй.

Ҳама гирд бар гирди он беша мард,
Кашиданд саф бо силеҳи набард.

Сикандар хурӯшид, к-«эй марди тез,
Ҳаме ҷанг рой оядат ё гурез?»

Биларзид Тайнуш бар ҷойи хеш,
Пушаймон шуд аз донишу ройи хеш.

Бад-ӯ гуфт, к-«эй шоҳи бартарманиш,
Ситоиш гузинӣ, беҳ аз сарзаниш.

На ин буд паймон-т бо модарам,
Нагуфтӣ, ки аз ростӣ нагзарам?

1. Л – лашкари

www.sattor.com

Чунон ҳам, ки бо хеши ман Кайдрӯш,
Бузургӣ куну ростиро бикӯш».

Сикандар бад-ӯ гуфт, к-«Эй шаҳрёр,
Чаро суст гаштӣ бад-ин моя кор?

Зи ман эминӣ, тарс бар[1] дил мадор,
Наёзорад аз ман касе з-он табор,

Нагардам зи паймони[2] Қайдофа ман,
На некӣ бувад шоҳи паймоншикан».

Пиёда шуд аз асп[3] Тайнуш зуд,
Заминро бибӯсиду зорӣ намуд.

Ҷаҳондор бигрифт дасташ[4] ба даст,
Бар он гуна к-ӯ гуфт, паймон бубаст.

Бад-ӯ гуфт: «М-андешу ромиш гузин,
Ман аз ту надорам ба дил ҳеҷ кин.

Чу модар-т бар тахти заррин нишаст,
Ман андарниҳодам ба дасти ту даст.

Бигуфтам, ки ман дасти шоҳи замин,
Ба дасти-ту андар ниҳам ҳамчунин.

Ҳам ин рӯз паймони ман шуд тамом,
На хуб ояд аз шоҳ гуфтори хом.[5]

Сикандар манам в-он замон ман будам,
Ба хубӣ туро достонҳо задам.

Ҳамон рӯз Қайдофа огоҳ буд,
Ки андар кафат панҷаи шоҳ буд».

Парастандаро гуфт қайсар, ки тахт
Биёрой зери гулафшон дарахт.

1. ИЛ – дар
2. Л – фармони
3. Л – бора
4. Л – чангаш
5. И – б. 1075, 1076 нест.

www.sattor.com

Бифармуд то хон биёростанд,
Навозандаи руду май хостанд.[1]

Бифармуд пас хилъати[2] хусравӣ
Зи румиву чиниву аз паҳлавӣ.

Бубахшид ёрон-шро симу зар,
Киро дархур омад кулоҳу камар.

Ба Тайнуш фармуд, к-«Эдар маист,
Ки ин беша дур аст, ҷойи[3] ту нест.

Ба Қайдофа гӯй, эй ҳашивор зан,
Ҷаҳондору бинодилу ройзан,

Бидорам вафои ту, то зиндаам,
Равонро ба меҳри ту огандаам.

РАФТАНИ ИСКАНДАР БА ШАҲРИ БАРАҲМАНОН

В-аз он ҷойгаҳ лашкар андаркашид,
Дамон то ба шаҳри Бараҳман расид.

Бад-он то зи кирдорҳои куҳун
Бипурсад зи парҳезгорон сухун.

Бараҳман чу огаҳ шуд аз кори шоҳ,
Ки овард аз он рӯй лашкар ба роҳ,

Парастанда мард андаромад зи кӯҳ,
Шуданд андар он огаҳӣ ҳамгурӯҳ.

Набиштанд пас нома он бихрадон
Ба назди Сикандар,шаҳи[4] мӯбадон.

Сари нома буд офарини меҳон
Зи доранда бар шаҳрёри ҷаҳон,

1. ТПЗ – Бубинанд бо хубиву нозу ком,
Чу гаштанд шод аз майи лаълфом.
2. ИЛ – хилъати
3. Л - роҳи
4. Л - сари

www.sattor.com

Ки пирӯзгар бод ҳамвора шоҳ,
Ба афзоиши донишу дастгоҳ.

Дигар гуфт, к-«Эй шаҳрёри сутург!
Туро дод Яздон ҷаҳони бузург,

Чи дорӣ бад-ин марзи беарз рой,
Нишасти парастандагони Худой?

Гар ин омадам аз пайи хоста-ст,
Хирад бегумон назди ту коста-ст.

Бари мо шикебоиву дониш аст,
Зи дониш равонҳо пур аз ромиш аст.

Шикебоӣ аз мо нашояд ситад,
На касро зи дониш расад низ бад.

Набинӣ ба ҷуз барҳана як рама,
Пароканда аз рӯзгори дама.

Агар будан эдар дароз оядат,
Ба тухми гиёҳон ниёз оядат.

Фиристода омад бари шаҳрёр,
Зи бехи гиё бар миёнаш изор.

Сикандар фиристодаву нома дид,
Беозориву ростӣ баргузид.

Сипаҳро саросар ҳамон ҷо бимонд,[1]
Худу номдорони[2] румӣ биронд.

Парастанда огаҳ шуд аз кори шоҳ,
Пазира шудандаш якояк ба роҳ.

Бибурданд бемоя чизе, ки буд,
Ки на ганҷашон буд, на кишту дуруд.

Якояк ҳаме хонданд офарин
Бар он пурманиш подшоҳи замин.

1. Л – ҳама барнишонд.
2. Л – файласуфони

www.sattor.com

Сикандар чу рӯйи Бараҳман бидид,
В-аз он гуна овози[1] эшон шунид.

Давону бараҳна тану пову сар,
Тавон бебару ҷон зи дониш бабар.

Зи барги гиё пӯшиш, аз тухм х(в)ард,
Баросуда аз базму рӯзи набард.

Хуру хуфту ором дар[2] дашту кӯҳ,
Бараҳна ба ҳар ҷой гашта гурӯҳ.

Ҳама хӯрданишон бари мевадор,
Зи тухми гиё руста бар кӯҳсор.

Саросар ҳама дашт[3] нахчир буд,
Гиё хӯрдану пӯшиш ожир буд.

Сикандар бипурсид аз хобу х(в)ард,
Аз осоишу гарди рӯзи[4] набард.

Зи хушшии гетӣ чӣ доред баҳр?
Зи гардун ҷудо[5] нест тарёку заҳр.

Хирадманд гуфт: «Эй ҷаҳонгир мард,
Кас аз мо нагӯяд зи[6] нангу набард.

Зи пӯшиданӣ, ё зи густурданӣ,
Ҳама бениёзему[7] аз хӯрданӣ.

Бараҳна чу зояд зи модар касе,
Набояд, ки нозад ба пӯшиш басе.

Аз эдар[8] бараҳна шавад боз хок,
Ҳама ҷойи тарс асту тимору бок.

1. И – овои
2. Л – хобу ором бар
3. Л – Аз инҳо яке тухм
4. Л – рӯзи нангу
5. Л – ҷуз ин
6. Л – ба
7. ИЛ – бениёзем
8. Л – Чу з-эдар

www.sattor.com

Замин бистару пӯшиш аз осмон,
Ба раҳ дидагон[1], то кай ояд замон.

Ҷаҳонҷӯй чандин бикӯшад ба чиз,
Ки он чизу кӯшиш наярзад пашиз.

Чу ӯ бугзарад з-ин сарои сипанҷ,
Аз ӯ бозмонад ҳамон[2] тоҷу ганҷ.

Чунон дон, ки некист ҳамроҳи ӯй,
Ба хок андарояд сару гоҳи ӯй».

Сикандар бипурсид, к-«Андар ҷаҳон
Фузун ошкоро бувад гар[3] ниҳон,

Ҳамон зинда беш аст, гар мурда низ,
К-аз он пас ниёзаш набошад ба чиз?»

Чунин дод посух, ки «Эй шаҳрёр,
Ту гар мурдаро бишмарӣ сад ҳазор,

Аз он сад ҳазорон яке зинда нест,
Хунук он ки дар дӯзах афканда нест.

Бибояд ҳамон зиндаро низ мурд,
Яке рафту навбат ба дигар супурд».

Бипурсид: «Хушкӣ фузунтар, гар об,
Ки тобад бар ӯ-бар ҳаме офтоб?»

Бараҳман чунин дод посух ба шоҳ,
Ки «Мар хокро об[4] дорад нигоҳ.

Бипурсид, к-аз хоб бедор кист?
Ба рӯйи замин-бар гунаҳкор кист?

Ки ҷунбанда бошанду чанде зиянд,
Надонанд, к-андар ҷаҳон бар чиянд?»

1. Л – дидабон
2. Л – зару
3. ИЛ – ё
4. И – ҳам обро хок

www.sattor.com

Бараҳман чунин дод посух бад-ӯй,
Ки «Эй покдил меҳтари розҷӯй,[1]

Гунаҳкортар чира[2] мардум бувад,
Ки аз кину озаш хирад гум бувад.

Чу хоҳӣ, ки инро бидонӣ дуруст,
Тани хештанро нигаҳ кун дуруст,[3]

Ки рӯйи замин сарбасар пеши туст,
Ту гӯйӣ сипеҳри равон хеши туст.

Ҳаме рой дорӣ, ки афзун кунӣ,
Зи хоки сияҳ мағз берун кунӣ.

Равони туро дӯзах аст орзуй,
Магар з-ин сухан боз гардӣ ба хӯй».

Дигар гуфт: «Бар ҷони мо шоҳ кист?
Ба кажжӣ ба ҳар ҷой ҳамроҳ кист?»

Чунин дод посух, ки «Оз аст шоҳ,
Сари мояи кину ҷони гуноҳ».

Бипурсид: «Худ гавҳари оз чист?
Ки аз баҳри бешӣ бибояд гирист?»

Чунин дод посух, ки «Озу ниёз
Ду деванд, патёраи дерсоз.

Якеро зи каммӣ шуда хушк лаб,
Яке аз фузунист бехоб шаб.

Ҳамон ҳар дуро рӯзи бад бишкарад,
Хунук он, ки ҷонаш пазирад хирад».[4]

Сикандар чу гуфтори эшон шунид,
Ба рухсора шуд чун гули шанбалид,

1. Л – ростгӯй;
ТПЗ – Чунон дон, ки бедор он кас бувад,
Ки аз гетияш андаке бас бувад.
2. ИЛ – чиз
3. ИЛМ – нахуст
4. Л – хирад парварад.

www.sattor.com

Ду рух зарду ду дида пуроб[1] кард,
Ҳамон чеҳри хандон пур аз тоб кард.

Бипурсид пас шоҳи фармонраво,
Ки «Ҳоҷат чӣ бошад шуморо ба мо?

Надорам дареғ аз шумо ганҷи хеш,
На ҳаргиз барандешам аз ранҷи хеш».

Яке гуфт, к-«Эй шаҳрёри баланд,
Дари пириву марг бар мо бубанд».

Чунин дод посух бад-ӯ шаҳрёр,
Ки «Бо марг хоҳиш наёяд ба кор.

Чӣ пархезӣ аз тезчанг аждаҳо,
Ки гар з-оҳанӣ, з-ӯ наёбӣ раҳо.

Ҷавоне, ки эдар бимонад дароз,
Ҳам аз рӯзи пирӣ наёбад ҷавоз».

Бараҳман бад-ӯ гуфт[2], к-«Эй подшо,
Ҷаҳондору дорову[3] фармонраво,

Чу донӣ, ки аз марг худ чора нест,
Зи пирӣ батар низ патёра нест,

Ҷаҳонро ба кӯшиш чӣ ҷӯӣ ҳаме?
Гули заҳр хира чӣ бӯӣ[4] ҳаме?

Зи ту бозмонад ҳамин ранҷи ту,
Ба душман расад кӯшишу[5] ганҷи ту.

Зи баҳри касон ранҷ бар тан ниҳӣ,
Зи камдонишӣ бошаду аблаҳӣ!

Паём аст аз марг мӯйи сафед,
Ба будан чӣ дорӣ ту чандин умед?»

1. Л – дида пур аз об
2. Л – бигуфтанд
3. Л – бинову
4. Л – бибӯӣ
5. Л – диҳӣ кӯшиши

www.sattor.com

Чунин гуфт бедордил шаҳрёр,
Ки «Гар банда аз бахшиши кирдгор

Гузар ёфтӣ, ман гузаштам[1] ҳамон
Ба тадбир бар гардиши осмон,

Ки фарзонаву марди пархошх(в)ар,
Зи бахшиш ба кӯшиш наёбад гузар.

1160 Дигар ҳар кӣ дар ҷанги ман кушта шуд,
Гар аз ахтараш рӯз баргашта шуд,

Ба дарду ба хун рехтан шуд[2] сазо,
Ки бедодгар кас наёбад раҳо.

Бididанд бодафраи[3] эзадӣ,
Чу гаштанд боз аз раҳи бихрадӣ.

Кас аз хости Яздон карона наёфт,
Зи кори замона баҳона наёфт.

Басе чиз бахшид бар ҳар[4] касе,
Ба наздики эшон набуд ӯ басе.

1165 Беозор аз он ҷойгаҳ баргирифт,
Бар он ҳамнишон роҳи Ховар гирифт.

РАФТАНИ СИКАНДАР БА ДАРЁИ ХОВАР ВА БА ЗАМИНИ ҲАБАШ

Зи шаҳри Бараҳман ба ҷое расид,
Яке бекарон жарфдарё бидид.

Ба сони занон мард пӯшида рӯй,
Ҳаме рафт бо ҷомаву рангу бӯй.

1. ИЛ – мегузаштӣ
2. ИЛ – буд
3. И – Надиданд худ фаррai
4. Л – бахшиду настад

www.sattor.com

Забонҳо на тозиву на паҳлавӣ,[1]
На чинӣ, на туркиву,[2] на хусравӣ,[3]

Зи моҳӣ будишон ҳама х(в)арданӣ,
Зи ҷое набуд роҳи оварданӣ.

Сикандар шигифт андар эшон бимонд,
Зи дарё ҳаме номи[4] Яздон бихонд.

Ҳамон гоҳ кӯҳе баромад зи об,
Тару тозаву[5] зард чун офтоб.

Сикандар яке тезкиштӣ биҷуст,
Ки онро ба дида бубинад дуруст.

Яке гуфт аз он файласуфони шоҳ,
Ки бар жарфдарё туро нест роҳ.

Бимон, то бубинад мар онро касе,
Ки баҳра надорад зи дониш басе.

Зи румиву аз мардуми порсӣ
Бад-он киштӣ-андар нишастанд сӣ.

Яке зардмоҳӣ бад-он лахткӯҳ
Ҳамон гаҳ чу танг андар омад гурӯҳ,

Фурӯ бурд киштӣ ҳам андар шитоб,
Ҳамон кӯҳ шуд нопадид андар об.

Сипоҳу Сикандар бад-он[6] хира монд,
Ҳаме ҳар касе номи Яздон бихонд.

Бад-ӯ гуфт румӣ, ки дониш беҳ аст,
Ки доно чунин бар меҳон-бар меҳ аст.

Агар шоҳ рафтиву киштӣ табоҳ,
Пур аз хун шудӣ ҷони чандин сипоҳ,

1. Л – на хусравӣ,
2. И – чиниву румиву
3. Л – туркиву чиниву на паҳлавӣ.
4. Л – роҳи
5. Л – Ба ду пора шуд
6. Л – Сипоҳи Сикандар бад-ӯ

www.sattor.com

В-аз он ҷойгаҳ лашкар андаркашид,
Яке обгири нав омад падид.

Ба гирд-андараш най ба сони дарахт,
Ту гуфтӣ, ки чӯби чинор аст сахт.

Зи даҳ раш фузун буд паҳнои[1] ӯй,
Чиҳил раш бипаймуд болои[2] ӯй.

Ҳама хонаҳо карда аз чӯби най,
Заминаш ҳам аз най фурӯ бурда пай.

Нашоист буд дар наистон басе,
Зи шӯрӣ нахӯрд оби ӯ ҳар касе.

Чу бугзашт аз он об, ҷое расид,
Ки омад яке жарфдарё падид.

Ҷаҳон хурраму об чун ангубин,
Ҳаме мушк бӯид хоки замин.

Бихӯрданду карданд оҳанги хоб,
Басе мори печон баромад зи об

В-аз он беша каждум чу оташ ба ранг,
Ҷаҳон шуд бар он хуфтагон[3] тору танг.

Ба ҳар гӯшае-бар фаровон бимурд
Бузургони донову мардони гурд.

Фароз омад аз ҳар сӯе сад гуроз,
Чу алмос дандонҳои дароз.

Зи дасти дигар шери меҳтар зи гов,
Ки бо ҷанги эшон набуд тӯшу тов.

Сипоҳаш зи дарё ба як сӯ шуданд.
Бад-он найситон оташ андарзаданд.

Бикуштанд чандон аз эшон, ки роҳ
Ба якборагӣ танг шуд бар сипоҳ.

1. Л – панҷаҳ фузун буд болои
2. Л – паҳнои
3. ИЛ – хастагон

www.sattor.com

РАСИДАНИ СИКАНДАР БА ЗАМИНИ ҲАБАШ ВА ҶАНГ КАРДАН ВА ФИРӮЗӢ ЁФТАН

В-аз он ҷойгаҳ шоҳи хуршедфаш
Биёмад дамон то замини[1] ҳабаш,

Зи мардум замин дид[2] чун парри зоғ,
Сияҳ гаштаву чашмҳо чун чароғ.

Тановар яке лашкаре зӯрманд,
Бараҳнатану сифту[3] боло баланд.

Чу аз дур диданд гарди сипоҳ,
Хурӯше баромад ба абри сиёҳ.

Сипоҳ анҷуман шуд ҳазорон ҳазор,
В-аз он тира шуд дидаи шаҳрёр.

Ба сӯи Сикандар ниҳоданд рӯй,[4]
Бикуштанд бисёр пархошҷӯй.[5]

Ба ҷойи синон устухон доштанд,
Ҳаме бар тани мард бугзоштанд.

Ба лашкар бифармуд пас шаҳрёр,
Ки бардоштанд олати корзор.

Бараҳна ба ҷанг андаромад ҳабаш,
Ғамӣ гашт[6] аз он лашкари шерфаш.

Бикуштанд аз эшон фузун аз шумор,[7]
Бупечид дигар сар аз корзор.

Зи хун рехтан гашт рӯи замин
Саросар ба кирдори дарёи Чин.

Чу аз хун дару дашт олуда гашт,
Зи кушта бар ҳар ҷой-бар тӯда гашт.

1. Л – то ба шаҳри
2. Л – буд чун
3. ИЛ – Бараҳна тану пӯст,
4. Л – сар,
5. Л – пархошх(в)ар.
6. Л – ҳамекушт
7. И – ҳар як ҳазорон ҳазор,

www.sattor.com

Бар он тӯда хошокҳо барзаданд,
Бифармуд, то оташ андарзаданд.

Чу шаб тира шуд, омад овози карг,
Сикандар бипӯшид хафтону тарг.[1]

Яке пешрав буд меҳтар зи пил,
Ба сар-дар[2] сурун дошт ҳамранги нил.

1210 В-аз он номдорон фаровон бикушт,
Басе ҳамла бурданду нанмуд пушт.

Бикуштанд фарҷоми кораш ба тир,
Яке оҳанин кӯҳ буд пилгир.

В-аз он ҷойгаҳ тез лашкар биронд,
Басе номи додори кайҳон бихонд.

РАСИДАНИ СИКАНДАР БА ШАҲРИ НАРМПОЁН ВА КУШТАНИ АЖДАҲО

Чу наздикии Нармпоён расид,
Нигаҳ карду мардум беандоза дид.

На аспу на ҷавшан, на теғу на гурз
Аз он ҳар гаве чун яке сарви бурз.[3]

1215 Чу раъди хурӯшон баромад ғирев,
Бараҳнасипоҳе ба кирдори дев.

Яке сангборон бикарданд сахт,
Чу боди хазон барҷаҳад[4] бар дарахт.

Ба тиру ба теғ андаромад сипоҳ,
Ту гуфтӣ, ки шуд рӯзи равшан сиёҳ.

1. ТПЗ – Фасила зи карг андаромад ба пеш,
Ба тан ҳар яке чун яке говмеш.
2. И – бар
3. ТПЗ – Чу танг андаромад бад-эшон сипоҳ,
Ҷаҳон гашт бар Нармпоён сиёҳ.
Ба сӯи Сикандар ниҳоданд рӯй,
Ба тан размсозу ба дил киначӯй.
4. Л – к-ӯ занад

www.sattor.com

Чу аз Нармпоён фаровон намонд,
Сикандар биёсуду лашкар биронд.

Бишуд тозиён, то ба шаҳре расид,
Ки онро миёну карона надид.[1]

Ба оин ҳама пешбоз омаданд.
Кушодадилу бениёз омаданд.

Бибурданд ҳар гуна густурданӣ,
Зи пӯшиданиҳову аз хӯрданӣ.

Сикандар бипурсиду бинвохтшон
Ба андоза-бар пойгаҳ сохтшон.[2]

Кашиданд бар дашт пардасарой,
Сипоҳаш биҷуст андар он дашт ҷой.[3]

Сар андар ситора яке кӯҳ дид,
Ки[4] гуфтӣ, ки гардун бихоҳад кашид.

Бар он кӯҳ м-эшон намондӣ яке.
Шаби тира з-эшон намондӣ яке.

Бипурсид аз эшон Сикандар, ки «роҳ
Кадом асту чун ронд бояд сипоҳ?»

---

1. И – б. 1219 нест.
2. И – б. 1222 нест;
ТПЗ - В-аз он пас бифармуд, то кеҳтарон,
Ҳамон номдорону некахтарон,
Бад-он рӯйи ҳомун фиканданд нах,
Ба дебо-ш уд ороста регу шах.
3. ТПЗ – Ба ромиш ниҳоданд як рӯйи ӯй,
Ҳамон як савора, ҳамон номҷӯй,
Чу бишмурд чанде бад-ин гуна шоҳ.
Гаҳе базму бода, гаҳ оромгоҳ.
Баросуд лашкар зи нангу набард,
Кашида зи гетӣ ҳамон гарму сард.
В-аз он пас ҳаме ҷуст бегоҳу гоҳ,
Яке рӯзи фаррух карона сипоҳ
Ҳаме ҷуст аз ҳар касе огаҳӣ,
Назад ҳеҷ кас рой бо фарраҳӣ.
4. Л – Ту

www.sattor.com

Ҳама яксара хонданд офарин,
Ки «Эй номвар шаҳрёри замин,

Ба[1] рафтан бар ин кӯҳ будӣ гузар,
Агар баргузаштӣ бар ӯ роҳбар.

Яке аждаҳоест з-он сӯи кӯҳ,
Ки гург ояд аз ранҷи захмаш[2] сутӯҳ.

Наёрад бар ӯ баргузаштан сипоҳ,
Ҳаме дуди заҳраш барояд ба моҳ,

Ҳаме оташ афрӯзад аз коми ӯй,
Ду гесӯ бувад пилро доми ӯй.

Ҳама шаҳр бо ӯ надорем тов,
Хӯриш боядаш ҳар шабе панҷ гов.

Бихаррему[3] бар кӯҳи хоро барем,
Пурандешаву пурмудоро барем.

Бад-он то наёяд бад-ин рӯи кӯҳ,
Биранҷонад аз мо гурӯҳогурӯҳ.[4]

---

1. Л – Чу
2. Л – мурғ ояд аз ранҷи заҳраш
3. ИЛ – Биҷӯему
4. ТПЗ – Чу он аждаҳоро хуриш буд гоҳ,
Зи мардони лашкар гузин кард шоҳ,
Бифармуд солори дайҳимҷӯй,
Ки надҳанд он рӯз чизе бад-ӯй,
Чу гоҳи хӯриш даргузашт, аждаҳо
Биёмад чу оташ бад-он тунд ҷо.
Сикандар бифармуд. то лашкараш
Яке тирборон кунанд аз бараш.
Бизад як дам он аждаҳои палид.
Тане чанд аз онҳо ба дам даркашид,
Бифармуд Искандари Файлақус,
Табира ба захм овариданду кӯс.
Ҳамон бекарон оташ афрӯхтанд,
Ба ҳар гӯшае оташе сӯхтанд**.
Чу кӯҳ аз табира пуровоз гашт,
Битарсиду он ҷонвар бозгашт,
Чу хуршед барзад сар аз бурҷи гов,
Зи гулзор бархост бонги чаков.

*Л – ҳаме. **Л – ҷой манқал ҳамесӯхтанд

www.sattor.com

Дирам дод солори ҷангӣ зи ганҷ,
Биёвард бо хештан гов панҷ.

Бикушту ба саршон бароҳехт пӯст.
Бад-он ҷодувӣ дода дил марди дӯст.

Биёганд чармаш ба заҳру ба нафт,
Сӯи аждаҳо рӯй бинҳод тафт.[1]

Бифармуд, то пӯст бардоштанд,
Ҳаме[2] даст бар даст[3] бугзоштанд.

Чу наздикии аждаҳо рафт шоҳ,
Ба сони яке абр дидаш сиёҳ.

Забонаш кабуду ду чашмаш чу хун,
Ҳаме оташ омад зи комаш бурун.

Чу гов аз сари кӯҳ биндохтанд,
Бад-он аждаҳо дил бипардохтанд.

Фурӯ бурд чун бод гов аждаҳо,
Чу омад зи чанги далерон раҳо.

Чу аз пӯсту аз гӯшт[4] оганда шуд,
Бар андом заҳраш пароканда шуд.

Ҳама рӯдагонеш сӯрох кард,
Ба мағзи сараш[5] роҳ густох кард.

Ҳаме зад сарашро бар он кӯҳсанг,
Чунин то баромад замоне диранг.

Сипоҳаш[6] бар ӯ-бар буборид тир,
Ба пой омад он кӯҳи нахчиргир.

---

1. И – б. 1237 нест;
ТПЗ – Ба дам пӯстҳоро пур аз бод кард,
Зи додори некидиҳиш ёд кард.
2. ИЛ – Ҳама
3. Л – дашт бар дашт.
4. ИЛ – пайвандаш
5. Л – мағз андараш
6. ИЛ – сипоҳӣ

www.sattor.com

В-аз он ҷойгаҳ тез бардоштанд,
Тани аждаҳо хор бугзоштанд.

Биёвард лашкар ба кӯҳе дигар,
К-аз он хира шуд марди пархошх(в)ар.

Баландиш бино ҳаме дер дид,
Сари кӯҳ чун теғи шамшер дид.

Яке тахти заррин бар он теғи кӯҳ,
Аз анбӯҳ як сӯву дур аз гурӯҳ.

Яке пил мурда бар он тахти зар,
Ҳамоно, ки будаш пас аз марг фар.

Зи дебо кашида бар ӯ чодаре,
Зи ҳар гавҳаре бар сараш афсаре.

Ҳама гирд бар гирди ӯ симу зар,
Касеро набудӣ бар ӯ-бар гузар.

Ҳар он кас, ки рафтӣ бар он кӯҳсор,
К-аз он мурда[1] чизе кунад хостор,

Бар он кӯҳ бебим ларзон шудӣ,
Бимурдиву бар ҷой печон[2] будӣ.[3] [*4]

Сикандар баромад бар он кӯҳсар,
Назора бар он мурда бо симу зар.

Яке бонг бишнид, к-«Эй шаҳрёр,
Ба сар бурдӣ андар ҷаҳон рӯзгор,[5]

Басе тахти шоҳон бипардохтӣ,
Саратро ба гардун барафрохтӣ.

Басе душману дӯст кардӣ табоҳ,
Зи гетӣ кунун рафтан омад-ш[6][*7] гоҳ

1. Л – мард
2. ИЛ – резон
3. И –б. 1255 нест.
4. М - шудӣ.
5. И – Басе будӣ андар ҷаҳон ёдгор.
6. ИЛ – боз гаштаст
7. М – омад-т

www.sattor.com

Рухи шоҳ аз овоз шуд чун чароғ,
Аз он кӯҳ баргашт дил пур зи доғ.

ДИДАНИ СИКАНДАР ШИГИФТИҲО БА ШАҲРИ ҲАРУМ

Ҳаме рафт бо номдорони Рум
Бад-он шорсоне, ки хонӣ Ҳарум,

Ки он шаҳр яксар занон доштанд,
Касе бар дари[1] шаҳр нагзоштанд.

Сӯи рост пистон чунон чун занон,
Чу рафтӣ давон нор бар парниён.

Сӯи чап ба кирдори ҷӯяндамард,
Ки ҷавшан бипӯшад ба[2] рӯзи набард.

Чу омад ба наздики шаҳри Ҳарум
Сарафроз бо номдорони Рум,

Яке нома бинвишт бо расму[3] дод,
Чунон чун бувад марди фаррухнажод.

Ба унвон-бар аз шоҳи Эрону Рум
Сӯи он ки доранд марзи Ҳарум.

Сари нома аз Кирдгори сипеҳр,
К-аз ӯй аст бахшоишу доду меҳр.

Ҳар он кас, ки дорад равонаш хирад,
Ҷаҳонро[4] ба умре ҳаме[5] наспарад.

Шунид, он ки мо дар замин кардаем,
Сари меҳтарӣ бар куҷо бурдаем?

Касе к-ӯ зи фармони мо сар битофт,
Ниҳонӣ[6] ба ҷуз хоки тира наёфт.

1. Л – Касеро дар он
2. И – бипӯшанд
3. И – б-озарму
4. И – Ҷаҳоне
5. Л – чунин
6. ИЛ – Ниҳолӣ

www.sattor.com

Нахоҳам, ки ҷое бувад дар ҷаҳон,
Ки дидори он бошад аз мо ниҳон.[1]

Гар оям, маро бо шумо нест разм,
Ба дил оштӣ дораму ройи базм.

Агар ҳеҷ доред донандае,
Хирадманду бедору хонандае,

Чу бархонад ин номаи пандманд,
Ҳар он кас, ки ҳаст аз шумо арҷманд,

Бубандед[2] пеш омаданро миён,
К-аз ин[3] омадан кас наёбад[4] зиён.

Бифармуд, то файласуфе зи Рум
Барад номаро сӯи шаҳри Ҳарум.[5]

Чу доно ба наздики эшон расид,
Ҳама шаҳр зан диду марде надид.

Ҳама лашкар аз шаҳр берун шуданд,
Ба дидори румӣ ба ҳомун шуданд.

Бар он номабар шуд силоҳ анҷуман,
Аз эшон ҳар он кас, ки шуд[6] ройзан.

Чу он нома бархонд донои шаҳр,
Зи ройи дили шоҳ бардошт баҳр.

Нишастанду посух набиштанд боз,
Ки «Доим бизӣ шоҳи гарданфароз».

Фиристодаро пеш биншонданд,
Якояк ҳама нома бархонданд.

---

1. ТПЗ – Зи баҳри фузунӣ нагардам ҳаме
Ман аз баҳри дониш ба дардам ҳаме.
Зи бешӣ маро даст кӯтоҳ бод,
Равони маро дод ҳамроҳ бод.
2. И – бубанданд.
3. Л – бад-ин
4. Л – надорад.
5. ТПЗИЛ – Басе низ ширин суханҳо бигуфт,
Фиристода худ бо хирад буд ҷуфт.
6. ИЛ – буд

www.sattor.com

Нахустин, ки гуфтӣ зи шоҳон сухан,
Зи пирӯзиву размҳои куҳан.

Агар лашкар орӣ ба шаҳри Ҳарум,
Набинӣ зи наълу зи пай хоку бум.

Беандоза дар шаҳри мо барзан аст,
Ба ҳар барзане даҳ ҳазорон зан аст.

Ҳама шаб ба хафтони ҷанг андарем,
Зи шаҳри фузунӣ ба танг андарем.

Зи чандин якеро набудаст шӯй,
Ки дӯшизагонему пӯшидарӯй.

Зи ҳар сӯ, ки ойӣ бад-ин буму бар,
Ба ҷуз жарфдарё набинӣ гузар.

Зи мо ҳар зане гар[1] гирояд ба шӯй,
Аз он пас кас ӯро набинем[2] рӯй.

Бибояд гузаштан ба дарёи жарф,
Агар хуш бувад рӯз, агар боду барф,

Агар духтар ояд-ш чун кард шӯй,
Заносову ҷӯяндаи рангу бӯй,

Ҳамон хона ҷовид ҷойи вай аст,
Баланд осмонаш ҳавои вай аст.

В-агар мардфаш бошаду сарфароз,
Ба сӯи Ҳарумаш фиристанд[3] боз.

В-агар з-ӯ писар зояд он ҷо, ки ҳаст,
Бипояд, набошад бари мо-ш даст.

Зи дӯшизагон ҳар шабе даҳ ҳазор
Нигаҳбон бувад бар лаби ҷӯйбор.[4]

1. Л – к-ӯ
2. Л – набинанд
3. И – фиристем
4. И – б. 1295, 1296 нест.

www.sattor.com

Зи мо ҳар кӣ ӯ рӯзгори набард
Аз асп андарорад яке шермард,

Яке тоҷи заррин-ш бар сар ниҳем,
Ҳамон тахти ӯ бар дупайкар ниҳем.

Ҳамоно зи мо зан бувад сӣ ҳазор,
Ки бо тоҷи зарранду бо гӯшвор,

Ки марде зи гарданкашон рӯзи ҷанг
Зи[1] ҷанголи ӯ хок шуд бедиранг.

Ту марди бузургиву номе[2] баланд,
Дари ном бар хештан бармабанд,[3]

Ки гӯянд бо зан биёвехтӣ,
В-аз овехтан низ бугрехтӣ.

Яке нанг бошад туро з-ин сухан,
Ки то ҳаст гетӣ, нагардад куҳан.

Чу хоҳӣ, ки бо номдорони Рум
Биёӣ, бигардӣ ба гирди Ҳарум,

Чу бо ростӣ бошиву мардумӣ,
Набинӣ ҷуз аз хубиву хуррамӣ.[4]

Ба пеши ту орем чандон сипоҳ,
Ки тира шавад рӯйи хуршеду моҳ.

Чу он посухи нома шуд[5] испарӣ,
Зане буд к-ӯ шуд[6] ба пайғамбарӣ.

Або тоҷу бо ҷомаи шоҳвор,
Ҳаме рафт бо хубрӯ даҳ савор.

Чу омад хиромон ба наздики шоҳ,
Пазира фиристод чанде сипоҳ.

---

1. Л – Ба
2. ИЛ – номат
3. Л – дармабанд.
4. ТПЗ – В-агар ҷуз бар ин бошӣ, эй шаҳрёр,
   Бупечӣ зи мо дар сафи корзор.
5. ИЛ – гашт
6. ИЛ – гӯё

www.sattor.com

Зани номбардор нома бидод,
Паёми далерон ҳама кард ёд.

Сикандар чу он посухи нома дид,
Хирадманду бинодиле баргузид.

Бад-эшон паёме фиристоду гуфт,
Ки «Бо мағзи мардум хирад бод ҷуфт!

Ба гирди ҷаҳон шаҳрёре намонд,
Ҳамон бар замин номдоре намонд,

Ки на сарбасар пеши ман кеҳтаранд,
Агарчи баланданду некахтаранд.

Маро гарди кофуру хоки сиёҳ
Ҳамон асту ҳам базму ҳам размгоҳ.

На ман ҷангро омадам бо занон
Ба пилону кӯсу табиразанон.

Сипоҳе бар ин сон, ки ҳомуну кӯҳ
Ҳаме гардад аз наъли аспон сутӯҳ.

Маро рой дидори шаҳри шумост,
Гироед[1] наздики ман ҳам, равост,

Чу дидор ёбам, биронам сипоҳ,
Набошам фаровон бад-ин ҷойгоҳ.

Бубинем, то чист оину фар,
Савориву зебоиву пову пар.

Зи кору зи раҳтон бипурсам ниҳон,
Ки бе мард зан чун бувад дар ҷаҳон?»

Агар марг бошад фузунӣ зи кист?
Бубинам,[2] ки фарҷоми ин кор чист?

Фиристода омад, суханҳо бигуфт,
Ҳама роз берун кашид аз нуҳуфт.

1. ИЛ – Гар оянд
2. Л – Набинам,

www.sattor.com

Бузургон яке анҷуман сохтанд,
Зи гуфторҳо дил бипардохтанд,

Ки мо баргузинем зан ду ҳазор,
Сухангӯву донандаву ҳушёр.

Або ҳар саде баста даҳ тоҷи зар,
Бад-ӯ дарфишонда[1] фаровон гуҳар.

Чу гирд ояд ин тоҷ, бошад дувист,
Ки ҳар як ҷуз андархури шоҳ нест.

Якояк бисанҷему созем тал
Або гавҳарон ҳар яке се[2] ритал.

Чу донем, к-омад ба наздик шоҳ,
Якояк пазира шавемаш зи роҳ,

Ки омад ба наздики мо огаҳӣ
Зи донои шоҳу аз фарраҳӣ.

Фиристода баргашту посух бигуфт,
Суханҳо ҳама бо хирад буд ҷуфт.

Сипаҳбад зи манзил сипаҳ баргирифт,
Зи кори занон монда андар шигифт.

Ду манзил биёмад, яке бод хост,
В-аз ӯ барф бо кӯҳсар гашт[3] рост.

Табаҳ шуд басе мардуми пойкор
Зи сармову барф андар он рӯзгор.

Бад-он сахтсармо ду манзил бирафт,
Чу омад ба наздикии шаҳр тафт,

Баромад яке дуду абри сиёҳ,
Бар оташ ҳаме рафт гуфтӣ сипоҳ.

1. Л – дар нишонда; И – бар нишонда.
2. Л – сӣ; И – гавҳари ҳар яке як
3. Л – барфҳо гашт бо кӯҳ; И – кӯҳҳо гашт

www.sattor.com

Зираҳ китфи озодагонро бисӯхт,
Зи наъли саворон[1] замин барфурӯхт.

Бар ин ҳамнишон то ба шаҳре расид,
Ки мардум ба сони шаби тира дид.

Фурӯ ҳишта лафчу бароварда кафч,
Ба кирдори қиру шаба кафчу лафч.

Ҳама дидаҳошон ба кирдори хун,
Ҳаме аз даҳон омад аз оташ бурун.

Басе пил бурданд пешаш ба роҳ,
Ҳамон зиштчеҳра ҷаҳоне[2] сипоҳ.

Бигуфтанд, к-«Ин барфу боди дамон
Зи мо буд, к-омад шуморо зиён,

Ки ҳаргиз бад-ин роҳ нагзашт кас,
Турову сипоҳи ту дидему бас».[3]

В-аз он ҷо биёмад дамону данон,
Дилороста сӯи шаҳри занон.

Зи дарё гузар кард зан ду[4] ҳазор,
Ҳама пок бо афсару гӯшвор.

Яке беша буд пур зи обу дарахт,
Ҳама ҷойи равшандилу некбахт.

Хӯриш гирд карданд бар марғзор
Зи густурданиҳо ба рангу нигор.

Чу омад Сикандар ба шаҳри Ҳарум,
Занон пеш рафтанд аз ободбум.

Бибурданд бас тоҷҳо пеши ӯй,
Ҳамон ҷомаву гавҳару рангу бӯй.

---

1. ИЛ – сутурон
2. Л – ҳадяи мардумон бар
3. ТПЗЛ – Бибуд андар он шаҳр як моҳ шоҳ,
   Чу осуда гаштанд шоҳу сипоҳ.
4. И – даҳ

www.sattor.com

Сикандар бипазруфту бинвохтшон,
Бад-он хуррамӣ ҷойгаҳ сохтшон.

Чу шаб рӯз гашт, андаромад ба шаҳр,
Ба дидор бардошт з-он шаҳр баҳр.

Каму беши эшон ҳама бозҷуст,
Ҳаме буд, то розҳо шуд дуруст.

ЛАШКАР БА МАҒРИБ РОНДАНИ ИСКАНДАР

Бипурсид ҳар чизу дарё бидид,
В-аз он рӯй лашкар ба Мағриб кашид.

Яке шорсон пешаш омад бузург,
Бад-ӯ-андарун мардумони сутург.

Ҳама мӯй сурху ҳама рӯй зард,
Ҳама дархури ҷангу[1] рӯзи набард.

Ба фармон ба пеши Сикандар шуданд,[2]
Чу девонагон даст бар сар заданд.

Сикандар бипурсид аз он саркашон,
Ки «Эдар кӣ дод аз шигифтӣ нишон?»

Чунин гуфт бо ӯ яке марди пир,
Ки «Эй шоҳи некахтари шаҳргир,

Яке обгир аст з-он рӯйи шаҳр,
К-аз он об касро надидем баҳр,

Ки[3] хуршеди тобон бад[4]- он ҷо кашид,
Бад-он жарфдарё бувад нопадид.

Паси чашма-дар тира гардад ҷаҳон,
Шавад ошкорои гетӣ ниҳон.

1. И – ҷанг
2. Л – Ду таҳ гаштаву санг бар сар шуданд,
3. И – Чу
4. Л – чу

www.sattor.com

В-аз он ҷойи торик чандон сухун
Шунидам,[1] ки ҳаргиз наёяд ба бун.

Хирадёфта марди яздонпараст,
Бад-ӯ дар яке чашма гӯяд, ки ҳаст,

Кушода сухан марди борою ком,
Ҳаме оби ҳайвон-ш хонад[2] ба ном».

Чунин гуфт равшандили пурхирад,
Ки «Ҳарк[3]-оби ҳайвон хӯрад, кай мурад?

Зи фирдавс бардорад он чашма роҳ,
Бишӯй бар ӯ тан, бирезад гуноҳ».

Сикандар бад-ӯ гуфт: «Торик ҷой,
Бад-андарун чун равад чорпой?»

Чунин посух овард яздонпараст,
К-«Аз он роҳ бар курра бояд нишаст».

Ба чӯпон бифармуд, к-«аспи яла,
Саросар ба лашкаргаҳ орад[4] гала».

Гузин кард аз ӯ борагӣ даҳ ҳазор
Ҳама чор сол аз дари корзор.

ҶУСТАНИ ИСКАНДАР ОБИ ҲАЙВОН

В-аз он ҷойгаҳ шод[5] лашкар биронд,
Бузургони бедордилро бихонд.

Ҳаме рафт, то сӯи шаҳре расид,
Ки онро миёну карона надид.

Ҳама ҳар чӣ бояд бад-ӯ дар фарох,
Пур аз боғу майдону айвону кох.

---

1. ИЛ – Шунидем
2. Л – хонанд; И – ҳайвон бихонад
3. Л – Ки ӯ
4. Л – овар
5. Л – шоҳ

www.sattor.com

Фуруд омаду бомдоди пагоҳ
Ба наздики он чашма шуд бесипоҳ.

Ҳаме буд, то гашт хуршед зард,
Фурӯ шуд бад-он чашмаи ложвард.

Зи Яздони пок он шигифтӣ бидид,
Ки рахшанда гашт аз ҷаҳон нопадид.

Биёмад ба лашкаргаҳи хеш боз,
Диле[1] пур зи андешаҳои дароз.

Шаби тира кард аз ҷаҳондор ёд,
Пас андеша бар об дигар[2] ниҳод,

Ки деҳқон варо ном «Ҳайвон» ниҳод,
Чу аз бахшиши эзадӣ[3] кард ёд.

Шикебо зи лашкар ҳар он кас, ки дид,
Нахуст аз миёни сипаҳ баргузид.

Чиҳилрӯза афзун хӯриш баргирифт,
Биёмад дамон, то чӣ бинад шигифт.

Сипаҳро бар он шорсон ҷой кард,
Яке пешрав ҷусту бар пой кард.

Варо андар ин Хизр буд ройзан,
Сари номдорони он анҷуман.

Сикандар биёмад ба фармони ӯй,
Дилу ҷон супурда ба паймони ӯй.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй марди бедордил,
Яке тез гардон[4]бад-ин кор дил.

Агар Оби Ҳайвон ба чанг оварем,
Басе бар парастиш диранг оварем.

1. И – Дилаш
2. ИЛ – Оби Ҳайвон
3. ИЛ – паҳлавон
4. И – ки тира магардон

www.sattor.com

Намирам касе к-ӯ равон парварад,
Ба Яздон паноҳад зи роҳи хирад.

Ду мӯҳра-ст бо ман, ки чун офтоб
Битобад шаби тира, чун бинад об.

Яке з-он ту баргиру дар пеш бош,
Нигаҳбони ҷону тани хеш бош.

Дигар мӯҳра бошад маро шамъи роҳ,
Ба торикӣ андар шавам бо сипоҳ.

Бубинем, то Кирдгори ҷаҳон,
Бар ин ошкоро чӣ дорад ниҳон?

Туӣ пешрав, к-ӯ[1] паноҳи ман аст,[2]
Намояндаи обу роҳи ман аст».[3]

Чу лашкар сӯи Оби Ҳайвон гузашт,
Хурӯш омад, «Аллоҳу акбар» зи дашт.

Чу аз манзили Хизр бардоштӣ,
Хӯришҳо зи[4] ҳар гуна бугзоштӣ.

Ҳаме рафт з-ин сон ду рӯзу ду шаб,
Касеро ба хӯрдан наҷунбид лаб.

Се дигар ба торикӣ-андар ду роҳ
Падид омаду гум шуд аз Хизр шоҳ.

Паямбар[5] сӯи Оби Ҳайвон кашид,
Сари зиндагонӣ ба кайвон кашид.

Бад-он оби равшан тану сар бишуст,
Нигаҳдор ҷуз пок Яздон наҷуст.

Бихӯрду биёсуду баргашт зуд,
Ситоиш ҳаме б-офарин барфузуд.

1. Л – гар
2. Л – ӯст,
3. Л – ӯст.
4. И – хӯришҳои
5. Л – Биёмад

www.sattor.com

ГУФТУГӮИ ИСКАНДАР БО МУРҒОН

Сикандар сӯи рӯшноӣ расид,
Яке баршуда кӯҳи рахшанда дид.

Зада бар сари кӯҳи хоро[1] амуд
Сараш то ба абр-андар аз[2] чӯби уд.

Бар он ҳар амуде куноми бузург,
Нишаста бар ӯ сабзмурғе сутург.

Ба овози румӣ сухан ронданд,[3]
Ҷаҳондори пирӯзро хонданд.[4]

Чу овоз бишнид, Қайсар бирафт,
Ба наздики мурғон хиромид тафт.

Бад-ӯ гуфт мурғ: «Эй[5] дилорой, ранҷ
Чӣ ҷуӣ ҳаме з-ин сарои сипанҷ?

Ки гар сар барорӣ ба чархи баланд,
Ҳамон[6] бозгардӣ ту з-ӯ[7] мустаманд.

Кунун к-омадӣ, ҳеҷ дидӣ зане,
В-агар карда аз хишти заррин буне?»[8]

Чунин дод посух, к-«Аз ин ҳар ду ҳаст
Заневу бар ин гуна ҷойи нишаст».

Чу бишнид посух, фурӯтар нишаст,
Бад-ӯ хира шуд марди яздонпараст,

Бипурсид, к- «Андар ҷаҳон бонги руд,
Шунидиву овози масту суруд?»

Чунин дод посух, ки «Ҳар к-ӯ зи даҳр
Зи шодӣ ҳаме барнагиранд баҳр,

1. И – кӯҳ чор аз
2. И – андар он
3. Л – рондӣ,
4. Л – хондӣ.
5. И- мурғи
6. И – Ҳаме
7. ИЛ – аз ӯ
8. Л – Дигар карда аз хашти пухта буне?

www.sattor.com

Варо шод мардум нахонад касе,[1]
В-агар дил ва ҷон барфишонад басе.[2]

Ба хок омад аз баршуда чӯби уд,
Тиҳӣ монд з-он мурғи мушкин[3] амуд».

Дигар гуфт: «Доноиву ростӣ,
Фузун аст, агар каммиву[4] костӣ?»

Чунин дод посух, ки «Донишпажӯҳ
Ҳаме сар барафрозад аз ҳар гурӯҳ.

Ба сӯи амуд омад аз тирахок,
Ба минқор чанголҳо карда[5] пок.

Зи Қайсар бипурсид, к-«Эзадпараст,
Ба шаҳри ту бар кӯҳ дорад нишаст?»

Бад-ӯ гуфт:[6] «Чун мард шуд покрой,
Наёбад парастанда ҷуз[7] кӯҳ ҷой.

Аз он чӯб пӯянда шуд бар куном,
Ҷаҳонҷӯву равшандилу шодком.

Ба ҷангал ҳаме кард минқор тез,
Чу эмин шуд аз бахшиши растахез.

Ба Қайсар бифармуд, то бе гурӯҳ
Пиёда шавад бар сари теғи кӯҳ.

Бубинад, ки то бар сари кӯҳ чист
К-аз ӯ шодмонро бибояд гирист.

ДИДАНИ СИКАНДАР ИСРОФИЛРО

Сикандар чу бишнид, шуд сӯи кӯҳ,
Ба дидор бар[8] теғ шуд бегурӯҳ.

1. Л – ҳаме.
2. Л – ҷону дил барфишонад ҳаме.
3. Л – аз он мурғи мискин
4. ИЛ – кажживу
5. Л – кард
6. Л – Бигуфто
7. Л – Набошад парастанда чун
8. И – Ба дидори он

www.sattor.com

Сирофилро дид суре ба даст,
Барафрохта сар зи ҷойи нишаст.

Пур аз бод лаб, дидагон пур зи нам,
Ки фармон кай ояд зи Яздон, ки дам!

Чу бар кӯҳ рӯйи Сикандар бидид,
Чу раъди хурӯшон фиғон баркашид,

Ки эй бандаи оз! Чандин макӯш,
Ки рӯзе ба гӯш оядат як хурӯш,

Ки чандин маранҷ аз чунин тоҷу ганҷ,[1]
Ба рафтан биёрою мафзой ранҷ».[2]

Чунин дод посух бад-ӯ шаҳрёр,
Ки «Баҳри ман ин омадат рӯзгор,

Ки ҷуз ҷунбишу гардиш андар ҷаҳон
Набинам ҳаме ошкору ниҳон.

Аз он кӯҳ бо нола омад фуруд,
Ҳаме дод некидиҳишро дуруд.

Бад-он роҳи торик бинҳод рӯй,
Ба пеш-андарун мардуми роҳҷӯй.

Чу омад ба торикӣ андар сипоҳ,
Хурӯше баромад зи кӯҳи сиёҳ.

Ки «Ҳар кас, ки бардорад аз пой[3] санг,
Пушаймон шавад з-он, ки дорад ба чанг.

В-агар барнадорад, пушаймон шавад,
Ба ҳар дарди дил сӯи дармон[4] шавад.

Сипаҳ сӯи овоз бинҳод гӯш,
Пурандеша шуд ҳар касе з-он хурӯш,

1. Л – Ту чандин маранҷ аз пайи тоҷу тахт,
   И – аз пайи тоҷу тахт.
2. ИЛ – барбанд рахт.
3. Л – кӯҳ
4. И – Зи ҳар ду ба дил сӯи сомон

www.sattor.com

Ки бардорад он санг, гар[1] бугзарад,
Басе[2] ранҷи ноомада бишмарад».

Яке гуфт, к-«Ин ранҷ ҳаст аз гуноҳ,
Пушаймонӣ аз санг бурдан зи[3] роҳ».

Дигар гуфт: «Сахтӣ[4] бибояд кашид,
Магар дарду ранҷаш набояд[5] чашид».

Яке бурд аз он сангу дигар набурд,
Се дигар кас аз коҳилӣ бурд[6] хурд.

Чу аз Оби Ҳайвон ба ҳомун шуданд,
Зи торикии роҳ берун шуданд,

Биҷустанд ҳар кас бад-он ростӣ,
Падидор шуд кажживу костӣ.

Канори яке пур зи ёқут буд,
Якеро пур аз гавҳари нобисуд.

Пушаймон шуд он кас, ки кам дошт ӯй,[7]
Забарҷад чунон[8] хор бугзошт ӯй.[9]

Пушаймонтар он кас, ки худ барнадошт,
Аз он гавҳари пурбаҳо сар бигошт.[10]

Ду ҳафта бар он ҷойгаҳ-бар бимонд,
Чу осудатар гашт, лашкар биронд.

БАСТАНИ ИСКАНДАР САДДИ ЯЪҶУҶ ВА МАЪҶУҶРО

Сӯи Бохтар шуд, чу Ховар бидид,
Зи гетӣ ҳама роҳи рафтан гузид.

1. Л – к-ӯ
2. ИЛ – Пайи
3. Л – ба
4. ИЛ – лахте.
5. И – бибояд
6. Л – Яке дигар аз коҳилӣ дошт
7. И – ӯ,
8. Л – чаро
9. И – ӯ.
10. И – б. 1445 нест.

www.sattor.com

Ба раҳ-бар яке шорсон дид пок,
Ки нагзашт, гуфтӣ, бад-ӯ боду хок.

Чу овози кӯс омад аз пушти пил,
Пазира шудандаш бузургон ду мил.

Ҷаҳонҷӯй чун дид, бинвохтшон,
Ба хуршед гардан барафрохтшон.

Бипурсид к-«Эдар чӣ бошад шигифт,
К-аз он бартар андоза натвон гирифт?».

Забон баркушоданд бар шаҳрёр
Ба нолидан аз гардиши рӯзгор,

Ки «Моро яке кор пеш аст сахт,
Бигӯем бо шоҳи пирӯзбахт.

Аз ин кӯҳи сар то ба абр - андарун
Дили мо пур аз дарду ранҷ асту хун.

Зи Яъҷуҷу Маъҷуҷ хастадилем,
Чунон шуд, ки дилҳо зи тан бугсилем.

Чу оянд баҳре сӯи шаҳри мо,
Ғаму ранҷ бошад ҳама баҳри мо.[1]

Ҳама рӯйҳошон чу рӯйи[2] ҳаюн,
Забонҳо сияҳ, дидаҳо ҳамчу[3] хун.

Сияҳ рӯю дандонҳо чун гуроз,
Кӣ ёрад шудан назди эшон фароз?

Ҳама тан пур аз мӯи ҳамранги[4] нил,
Бару синаву гӯшҳошон чу пил.

Бихуспанд,[5] як гӯш бистар кунанд,
Дигар бар тани хеш чодар кунанд.

1. Л – пас аз б. 1456 ин б. омада:
Фузун асташон қомат аз як ба даст,
Аз озорашон зиндагонӣ бад аст.
2. Л – ба сони
3. Л – дидаҳошон чу
4. И – мӯю мӯе чу; Л – мӯю» мӯяш чу.
5. Л – Бихуспанду

www.sattor.com

Зи ҳар модае бачча зояд[1] ҳазор,
Каму беши эшон кӣ донад[2] шумор?

Ба гирд омадан чун сутурон шаванд,
Так оранд, бар сони гӯрон шаванд.

Баҳорон, к-аз абр андарояд хурӯш,
Ҳамон сабздарё барояд[3] ба ҷӯш.

Чу таннин аз он мавҷ бардорад абр,
Ҳаво бархурӯшад[4] ба сони ҳизабр.

Фуруд афканад абр таннин ба кӯҳ,
Биёянд аз эшон гурӯҳогурӯҳ.

Хурӯшон бувад сол то солашон,
Ки оганда гардад бару ёлашон.

Гиёшон бувад з-он сипас х(в)арданӣ,
Бипӯянд ҳар сӯ ба оварданӣ.

Чу сармо бувад, сахт лоғар шаванд,
Ба овоз бар сони кафтар шаванд.

Баҳорон зи таннин[5] ба кирдори гург
Биғурранд б-овозҳои бузург[6].

Агар подшо чорае созадӣ,
К-аз ин ғам дили мо бипардозадӣ,

Басе офарин ёбад аз ҳар касе,
В-аз он пас ба гетӣ бимонад басе.

Бузургӣ куну чораи мо[7] бисоз,
Ҳам[8] аз пок Яздон найӣ бениёз».

1. И – модаре бачча ояд
2. Л – надорад
3. Л – дарояд
4. Л – пурхурӯшон
5. И – чу ояд,
6. И – бар сони гурги сутург; Л – бар сони шери сутург.
7. Л – кори моро; И – ранҷи моро
8. ИЛ – Ки

www.sattor.com

Сикандар бимонд андар эшон шигифт,
Ғамӣ гашту андеша андаргирифт.

Чунин дод посух, ки «Аз мост ганҷ,
Зи шаҳри шумо ёрмандиву ранҷ.

Барорам ман ин роҳи эшон ба рой
Ба нерӯи некидиҳиш як Худой.[1]

Ҳама шаҳр гуфтанд, к-«Эй шаҳрёр,
Зи ту дур бодо бади рӯзгор!

Зи мо ҳар чӣ хоҳӣ, ҳама бандаем,
Парастанда бошем, то зиндаем.[2]

Биёрем чандон, ки хоҳӣ, зи[3] чиз,
К-аз ин беш коре надорем низ».

Сикандар биёмад, нигаҳ кард кӯҳ,
Биёвард з[4]-он файласуфон гурӯҳ.

Бифармуд, к-«Оҳангарон оваред,[5]
Мису[6] рою путки гарон оваред.[7]

Гаҷу сангу ҳезум фузун[8] аз шумор,
Биёред чандон, ки бояд ба кор.

Беандоза бурданд чизе, ки хост,
Чу шуд сохта кору[9] андеша рост,

Зи деворгар, ҳам зи оҳангарон,
Ҳар он кас, ки устод буд андар он,

---

1. Л - фармони некидиҳӣ раҳнамой.
2. Л - Пас аз б. 1477 ин б. омада:
   Ҳама ҳар чӣ гӯӣ, бар онем мо,
   Бифармой чизе, ки донем мо,
3. Л - хоҳед; И - боят-т
4. Л – аз
5. Л – оваранд,
6. И – Митин
7. Л – оваранд.
8. Л – оҳан фузун аз
9. Ил – кори

www.sattor.com

Зи гетӣ ба пеши Сикандар шуданд,
Бад-он кори шоиста[1] ёвар шуданд.

Зи ҳар кишваре донишӣ шуд гурӯҳ,
Ду девор кард аз ду паҳлӯи кӯҳ.

Зи бун то сари теғ болои ӯй,
Чу сад арш карданд[2] паҳнои ӯй.

Аз ӯ як раш ангишту оҳан яке,
Пароканда мис дар миён андаке.

Ҳаме рехт гӯгирдаш андар миён,
Чунин бошад афсуну ройи каён.[3]

Ҳаме рехт[4] ҳар гавҳаре як рада,
Чу аз хок то[5] теғ гашт ожада,

Басе нафту равған биёмехтанд,
Ҳаме бар сари гавҳарон рехтанд.

Ба хирвор ангишт бар сар заданд,
Бифармуд,то оташ андарзаданд.

Дам овард[6] оҳангарон сад ҳазор
Ба фармони пирӯзгар шаҳрёр.

Хурӯши даманда баромад зи кӯҳ,
Ситора шуд аз таффи оташ сутӯҳ.

Чунин рӯзгоре баромад бар он,
Дами оташу ранҷи оҳангарон.

Гуҳарҳо як андар дигар сохтанд,
В-аз он оташи тез бугдохтанд.

Зи Яъҷуҷу Маъҷуҷ гетӣ бираст.
Замин гашт ҷои нишему нишаст.

1. Л – боиста
2. Л – шоҳраш буд; шоҳраш карда
3. И – афсуни донойгон.
4. И – Ҳаме кард.
5. ИЛ – бо
6. ИЛ – оварду

www.sattor.com

Аз он номвар садди Искандарӣ
Ҷаҳон аз бадон расту аз доварӣ.

Араш понсад буд болои ӯй,
Чу наздики сад ёз паҳнои ӯй.

Бар ӯ меҳтарон хонданд офарин,
Ки бе ту мабодо замону замин!

Зи чизе ки буд андар он ҷойгоҳ,
Фаровон бибурданд наздики шоҳ.

Напазруфт[1] аз эшону худ[2] баргирифт,
Ҷаҳон монда аз кори ӯ дар шигифт.

ДИДАНИ СИКАНДАР МУРДАРО ДАР АЙВОНИ ЁҚУТИ ЗАРД

Ҳамон ронд[3] як моҳ пӯён ба роҳ,
Ба ранҷ омад аз роҳ шоҳу сипоҳ.

Чунин то ба наздики кӯҳе расид,
Ки ҷое даду дому мардум надид.

Яке теғ[4] дид аз бараш ложвард,[5]
Яке хона бар сар зи ёқути зард.

Ҳама хона қандилҳои булӯр,
Миён-андарун чашмаи оби шӯр.

Яке сурхгавҳар ба ҷойи чароғ,
Ба зер-андараш моя чун парри зоғ.

Фитода фурӯғи чароғ андар об,
Зи гавҳар ҳама хона чун офтоб.

Ниҳода бар он чашма заррин ду тахт,
Бар ӯ хобанида яке шӯрбахт.

1. И – Бипазруфт
2. Л – Пазируфт аз эшону раҳ
3. ИЛ – Ҳаме ронд
4. ИЛ – кӯҳ
5. И – лоҷвард,

www.sattor.com

Ба тан мардуму сар ба сони гуроз,
Ба бечорагӣ мурда бар тахти ноз.

Зи кофур зер-андараш бистаре,
Кашида зи дебо бар ӯ чодаре.

Ҳар он кас, ки рафтӣ, ки чизе барад,
В-агар хоки он хонаро биспарад,

Ҳама тан-ш бар ҷой ларзон шудӣ,
В-аз он ларза ҳам зинда резон шудӣ.

Хурӯш омад аз чашмаи оби шӯр,
Ки «эй орзумард,[1] чандин машӯр!

Басе чиз дидӣ, ки он кас надид,
Инонат кунун боз бояд кашид.

Кунун зиндагонит кӯтоҳ гашт,
Сари тахти шоҳит бемоҳ гашт».

Сикандар битарсиду баргашт зуд,
Ба лашкаргаҳ омад ба кирдори дуд.

В-аз он ҷойгаҳ тез лашкар биронд,
Хурӯшон ҳаме номи Яздон бихонд.

В-аз он кӯҳ роҳи биёбон гирифт,
Ғамӣ гашту андешаи ҷон гирифт,

Ҳаме ронд пурдарду гирён зи ҷой,
Сипоҳ аз пасу пеш ӯ раҳнамой.

ДИДАНИ СИКАНДАР ДАРАХТИ ГӮЁРО

Зи роҳи биёбон ба шаҳре расид,
Бибуд шоҳ, к-овози мардум шунид.

Ҳама буму бар боғи обод буд,
Дили мардум аз хуррамӣ шод буд.

Пазира шудандаш бузургони шаҳр,
Касеро, ки аз мардумӣ буд баҳр.

1. ИЛ – озвармард

www.sattor.com

Бар ӯ[*1] ҳамгинон офарин хонданд,
Басе зарру гавҳар барафшонданд.

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки «Эй шаҳрёр,
Анӯша, ки кардӣ ба мо-бар гузор.

Бад-ин шаҳр ҳаргиз наёмад сипоҳ,
На ҳаргиз шунидаст кас номи шоҳ.

Кунун к-омадӣ, ҷони мо пеши туст,
Ки равшанравон бодиву тандуруст».

Сикандар дил аз мардумон шод кард,
Зи роҳи биёбон тан озод кард.

Бипурсид аз эшон, ки «Эдар шигифт
Чӣ чиз аст к-андоза бояд гирифт?»

Чунин дод посух бад-ӯ раҳнамой,
Ки «Эй шоҳи пирӯзи покизарой,

Шигифтест, эдар, ки андар ҷаҳон
Касе он надид ошкору ниҳон.[2]

Дарахтест эдар ду бун[3] гашта ҷуфт,
Ки чун он[4] шигифтӣ нашояд нуҳуфт.

Яке модаву дигаре нарри[5] ӯй,
Сухангӯю бошоху[6] борангу бӯй.

Ба шаб мода гӯёву бӯё[7] шавад,
Чу равшан шавад, нарр(у) гӯё[8] шавад.

Сикандар бишуд бо саворони Рум,
Ҳамон номдорони он марзу бум.

1. М - Ҳама
2. Л – аз кеҳону меҳон.
3. Л – ду тан
4. Л – чунон
5. Л – нар аз
6. И – Сухангӯй бо шоҳ
7. Л – пӯё
8. Л – гӯё

www.sattor.com

Бипурсид аз эшон, ки «Акнун дарахт
Сухан кай сарояд ба овози сахт?»

Чунон дод посух бад-ӯ тарҷумон,
Ки «аз рӯз чун бугзарад нӯҳ замон,

Сухангӯй гардад яке з-ин дарахт,
Ки овози ӯ бишнавад некбахт».[1]

Бипурсид: «Чун бугзарем аз дарахт,
Шигифтӣ чӣ пеш ояд, эй некбахт?»

Чунин дод посух, к-«Аз ӯ бугзарӣ,
Зи рафтан-т кӯтаҳ шавад доварӣ.

Чу з-ӯ баргузаштӣ, намонад-т ҷой,
Карони[2] ҷаҳон хонадаш раҳнамой».

Ҳама ронд[3] бо румиён некбахт,
Чу омад ба наздики гӯёдарахт,

Заминаш зи гармӣ ҳаме бардамид,
Зи пӯсти дадон хок пайдо надид.

Зи гӯянда пурсид, к-«Ин пӯст чист?
Дадонро бар ин гуна дарранда кист?»

Чунин дод посух бад-ӯ некбахт,
Ки «Чандин парастанда дорад дарахт,

Чу ҷӯянд гоҳи парастиш х(в)ариш,
Зи гӯшти дадоншон бувад парвариш.

Чу хуршед бар теғи гунбад кашид,
Сикандар хурӯше зи боло шунид,

Ки омад зи барги дарахти баланд
Хурӯше пур аз ҳавлу носудманд.

1. ТПЗЛ – Шаби тирагун мода гӯё шавад,
Бару барг чун мушк бӯё шавад
2. И – канори
3. ИЛ – Ҳаме ронд

www.sattor.com

Битарсиду пурсид аз ин тарҷумон,
Ки «Эй марди бедори некигумон,

Чунин барги гӯё чӣ гӯяд ҳаме?
Ки дилро ба хуноб шӯяд ҳаме?»[1]

Чунин дод посух, ки «Эй некбахт,
Ҳаме гӯяд ин баргу шохи дарахт,

Ки чандин Сикандар чӣ пӯяд ҳаме?[2]
Кунун роҳи рафтан биҷӯяд ҳаме.[3]

Зи шоҳиш чун сол шуд бар ду ҳафт,
Зи тахти бузургӣ бибояд-ш рафт».

Сикандар зи дида биборид хун,
Дилаш гашт пурдард аз он раҳнамун,

В-аз он пас яке низ накшод лаб,
Пур аз ғам ҳаме буд то ними шаб.

Сухангӯй шуд барги дигар дарахт,
Дигарбора пурсид аз он некбахт.

«Чӣ гӯяд ҳаме ин дигар шох?» - гуфт,
Сухангӯй букшод роз аз нуҳуфт,

Чунин дод посух, ки «Ин модашох
Ҳаме гӯяд андар ҷаҳони фарох:

Зи озу фузунӣ[4] ба ранҷӣ ҳаме,
Равонро чаро баршиканҷӣ ҳаме?

Туро ози гирди ҷаҳон гаштан аст,
Кас озурдану подшо куштан аст.

Намонад[5] ба гетӣ фаровон диранг,
Макун рӯз бар хештан тору танг».

1. И – б. 1544 – 1549 нест.
2. ИЛ – ба дахр?
3. ИЛ – Кӣ бардошт аз некӯиҳош баҳр?
4. Л – ози фаровон
5. И – Нахондаш

www.sattor.com

Бипурсид аз он тарҷумон подшо,
Ки «Эй марди равшандили порсо,

Яке бозпурсаш, ки бошад[1] ба Рум,
Ки пеш ояд[2] ин гардиши рӯзи шум,

Магар зинда бинад маро модарам,
Яке то ба рух баркашад чодарам?»

Чунин гуфт бо шоҳ гӯё дарахт,
Ки «Кӯтоҳ кун рӯзу[3] барбанд рахт.

На модар-т бинад, на хешони Рум,
На пӯшидарӯёни он марзу бум.

Ба шаҳри касон маргат ояд на дер,
Шавад ахтар аз тоҷу тахти[4] ту сер».

Чу бишнид, баргашт зери дарахт,
Дилаш хаста гашта ба шамшери бахт.

Чу омад ба лашкаргаҳи хеш боз,
Бирафтанд гурдони гарданфароз,

Ба шаҳр-андарун ҳадяҳо сохтанд,
Бузургон бари подшо тохтанд.

Яке ҷавшане буд тобон чу нил,
Ба болову паҳнои як чарми пил.

Ду дандони моҳӣ, бараш[5] панҷ буд,
Ки онро ба бар доштан ранҷ буд.

Зиреҳ буду дебои пурмоя буд,
Зи зар карда оганда сад хоя буд.

Ба санги дирам ҳар яке шаст ман,
Зи зарру зи гавҳар яке каркадан[6].

1. Л – ки бошам
2. Л – оядам
3. И – кӯтоҳ шуд рӯз,
4. Ил – ахтару тоҷу тахт аз
5. Ил – Ду доман, ки паҳнои он*.
   * И – ӯ.
6. И –б. 1573 нест.

www.sattor.com

Пазируфту[*1] з-он шаҳр лашкар биронд,
Ба дида ҳаме хуни дил барфишонд.

РАФТАНИ ИСКАНДАР БА НАЗДИКИ ФАҒФУРИ ЧИН

Аз он рӯй лашкар ба Чин баркашид,
Сипаҳро ба манзил фуруд оварид.[2]

Яке нома фармуд пас, то дабир
Нависад зи Искандари шаҳргир.

Бифармуд ҳар гунае хубу зишт,
Нависанда чун нома андарнавишт,

Сикандар бишуд чун фиристодае,
Гузин кард бинодил озодае.

Ки бо ӯ бувад якдилу яксухун,
Бигӯяд ба меҳтар, ки кун, ё макун.

Сипаҳро ба солори лашкар супурд,
В-аз он румиён[3] панҷ доно бибурд.

Чу огоҳӣ омад ба Фағфур аз ин,[4]
Ки омад фиристодае сӯи Чин,[5]

Пазира фиристод чанде сипоҳ,
Сикандар гурозон биёмад зи роҳ.

Чу омад бад-он боргоҳи бузург,
Бидид он гузида сипоҳи бузург.[*6]

Биёмад зи даҳлез то пеши ӯй,
Пурандеша ҷони бадандеши ӯй.

---

1. М – Бипазруфту
2. ТПЗИ – Ҳаме ронд манзил ба манзил ба дашт,
   Чиҳил рӯз то пеши дарё гузашт.
   Зи дебо саропардае баркашид,
   Сипаҳро ба манзил фуруд оварид.
3. И – румие
4. И – Фағфури Чин.
5. И – фиристода бо офарин.
6. М – сутург.

www.sattor.com

Давон пеши ӯ рафту бурдаш намоз,
Нишаст андар айвон замоне дароз.

Бипурсид Фағфуру бинвохташ,
Яке номвар ҷойгаҳ сохташ.

Чу барзад сар аз кӯҳ равшан чароғ,
Бибурданд болои заррин чуноғ.

Фиристодаи шоҳро пеш хонд,
Сикандар фаровон суханҳо биронд.

Бигуфт он чи боисту нома бидод,
Суханҳои Қайсар ҳама кард ёд.

Бад-он нома унвон буд аз шоҳи Рум,
Ҷаҳондору солори ҳар марзу бум,

Ки хонанд шоҳон бар ӯ офарин
Сӯи кишваророй фағфури Чин.

Сари нома буд аз нахуст офарин
Зи мо бандагон бар ҷаҳонофарин.

Дигар гуфт: «Фармони мо сӯи Чин,
Чунон аст, к-обод гардад замин.[1]

Набояд басечид моро ба ҷанг,
Ки аз ҷанг шуд рӯз бар Фур танг.

Чу Доро, ки буд шаҳрёри ҷаҳон,
Чу Фарёни тозиву дигар меҳон.

Зи Ховар бирав то дари Бохтар,
Зи фармони мо кас наҷӯяд гузар.

Шумори сипоҳам надонад сипеҳр,
Магар бишмарад тиру ноҳиду меҳр.

Агар ҳеҷ, фармони мо бишканӣ,
Тану буму кишвар ба ранҷ афканӣ,

1. ТПИМ – Ҷаҳондори дорандаву раҳнамой,
Худованди покиву некифизой.

www.sattor.com

Чу нома бихонӣ, биёрой сов,
Маранҷон тани хеш, бо бад маков.

Гар ойӣ, бубинӣ маро бо сипоҳ,
Бубинам туро якдилу некхоҳ.

Бидорем бар ту ҳамин тоҷу тахт,
Ба чизе газандат наёяд зи бахт.

В-агар кунд бошӣ ба пеш омадан,
Зи кишвар сӯи шоҳи хеш омадан,

Зи чизе, ки бошад зароиф ба Чин,
Зи арринаву теғу аспу нигин,

Ҳамон[1] ҷомаву бардаву[2] тахти оҷ,
Зи дебои пурмояву тавқу[3] тоҷ,

Зи чизе, ки ёбӣ, фиристӣ ба ганҷ,
Чу хоҳӣ, ки аз мо наёяд-т ранҷ.

Сипоҳи маро бозгардон зи роҳ,
Бибош эмин аз тахту[4] ганҷу кулоҳ.[5]

Чу солори Чин з-он нишон нома дид,
Барошуфту пас хомушӣ баргузид.

Бихандиду пас бо фиристода гуфт,
Ки «Шоҳи туро осмон аст ҷуфт.

Бигӯй, он чи донӣ зи дидори[6] ӯй,
Зи болову мардиву гуфтори[7] ӯй.

1. Л - Ҳам аз
2. И - Ҳама бораву бардаву
3. И - тахту
4. И- тоҷу
5. ТПЗИЛ - Ту донӣ кунун ҳар ду раҳ пеши туст,
Сипаҳро ду дида ба кам-беши туст.
Дуруди ҷаҳонофарин бар ту бод!
Мабод он ки панди ман ояд-т ёд*.

* Л – Хами чархи гардон замини ту бод; ИЛ – Танҳо, б. дуюм мавҷуд аст.

6. Л – кирдори
7. Л – мардиву болову дидори; И – гуфтору кирдори

www.sattor.com

Фиристода гуфт: «Эй сипаҳдори Чин,
Касе чун Сикандар мадон дар замин.

Ба мардиву рою ба бахшу хирад,
Зи андешаи ҳар касе бугзарад.

Ба болои сарв асту бо зӯри пил,
Ба бахшиш ба кирдори дарёи Нил.

Забонаш ба кирдори буррандатеғ,
Ба чарбӣ уқоб андарорад зи меғ.

Чу бишнид Фағфури Чин ин сухун,
Яке дигар андеша афканд бун.

Бифармуд, то хону май хостанд,
Ба боғ-андар айвон биёростанд.

Ҳаме хӯрд май, то ҷаҳон тира гашт,
Сари майгусорон зи май хира гашт.

Сипаҳдори Чин бо фиристода гуфт,
Ки «Бо шоҳи ту муштарӣ бод ҷуфт.

Чу равшан шавад, нома посух кунам,
Ба дидори ту рӯз фаррух кунам».

Сикандар биёмад турунҷе ба даст
Зи айвони солори Чин ниммаст.

Чу хуршед барзад сар аз бурҷи шер,
Сипеҳр андар-овард шабро ба зер,

Сикандар ба наздики Фағфур шуд,
Зи[1] андешаи бад дилаш дур шуд.

Бипурсид аз ӯ, гуфт:[2] «Шаб чун будӣ,
Чу[3] берун шудӣ дӯш, майгун будӣ?»

1. И – Аз
2. Л – Бипурсиду гуфташ, ки
3. ИЛ – Ки

www.sattor.com

В-аз он пас бифармуд, то шуд[1] дабир,
Биёвард қиртосу мушку абир,

Яке номаро гарм посух навишт,
Биёрост қиртоси Чин чун биҳишт,

Нахуст офарин кард бар додгар,
Худованди мардиву доду ҳунар.[2]

Худованди фарҳангу парҳезу дин,
Аз ӯ бод бар шоҳи Рум офарин,

Расид он фиристодаи чарбгӯй,
Ҳам он номаи шоҳи фарҳангҷӯй.

Суханҳои шоҳӣ ҳама хонданд,[3]
В-аз он бо бузургон сухан ронданд.[4]

Зи Дорои Доробу Фарёну Фур
Сухан ҳар чи пайдо шуд аз разму[5] шӯр,

Ки пирӯз гаштӣ бар эшон ҳама,
Шубон гаштаву[6] шаҳрёрон рама.

Ту доди Худованди хуршеду моҳ
Зи мардӣ мадону фузунӣ сипоҳ.

Чу бар меҳтаре бугзарад рӯзгор,
Чи дар сур мирад, чи дар корзор,

Чу фарҷомашон рӯзи разми ту буд,
Замона на коҳад, на ҳаргиз фузуд.

Ту з-эшон макун бешиву бартарӣ.
Ки гар з-оҳанӣ, бегумон бугзарӣ.

1. И – Буфармуд, то пеш омад
2. И – б. 1624, 1625 нест.
3. И – шоҳон ҳама хондем
4. Л – рондем.
5. ИЛ – ҷангу
6. ИЛ – гаштаву

www.sattor.com

Кучо шуд Фаридуну Заҳҳоку Ҷам,
Фароз омад он[1] боду[2] шуд сӯи дам.

Ман аз ту на тарсам,[3] на ҷанг оварам,
На бар сони ту бод гирад сарам,

Ки хун рехтан нест оини ман,
На бад кардан андархури дини ман.

Бихонӣ маро, бар ту бошад шикаст,
Ки яздонпарастам, на хусравпараст,

Фузун з-он фиристам, ки дорӣ маниш,
Набошад ба[4] бахшиш маро сарзаниш».

Сикандар ба рух ранги ташвир ёфт,[5]
Зи гуфтори ӯ бар ҷигар тир ёфт.[6]

Ба дил гуфт: «З-ин пас маро дар[7] ҷаҳон
Набинанд рафта ба[8] ҷое ниҳон».

Зи айвон биёмад ба ҷойи нишаст,
Миён аз пайи бозгаштан бубаст.

Сарафроз Фағфур букшод ганҷ,
Зи бахшиш наёмад ба дил бар-ш[9] ранҷ.

Нахустин бифармуд панҷоҳ тоҷ,
Ба гавҳар биёганда даҳ тахти оҷ,

Зи симину зарринауштур ҳазор,
Бифармуд, то барниҳоданд бор.

Зи дебои чиниву хаззу ҳарир,
Зи кофуру анбар, зи уду[10] абир,

1. Л –аз
2. И – омаду боз
3. И – На ман аз ту тарсам,
4. Л – зи
5. ИЛ – хӯрд,
6. ИЛ – хӯрд.
7. ИЛ – кас андар
8. ИЛ – маро рафта
9. И – тарсу
10. ИЛ – кофур в-аз уду мушку

www.sattor.com

Ҳазор уштури боркаш бор кард,
Таносон шуд он, к-ӯ дирам хор кард.

Зи санҷобу қоқум, зи мӯйи самур,
Ҳам аз нофаи мушку кимоли бӯр.[1]

Биёвард аз ин ҳар яке ду[2] ҳазор,
Хирадманд ганҷур барбаст бор.[3]

Гаронмоя сад зин ба[4] симин ситом,
Зи заррина панҷоҳ бурданд ном.

Бибурданд сесад шутур сурхмӯй,
Зароиф будаш[5] бор чинӣ бар ӯй.

Яке марди босангу ширинсухан
Гузин кард аз он чиниёни куҳан.

Бифармуд, то бо дуруду паём
Биёяд бари шоҳу орад хиром,

Ки якчанд бошад ба наздики Чин,
Бар ӯ номдорон кунанд офарин.

Фиристода шуд бо Сикандар ба роҳ,
Гумоне ки бурдӣ, ки ӯяст шоҳ?!

Чу маллоҳ рӯи Сикандар бидид,
Биҷасту сабук бодбон баркашид.

Чу дастур бо лашкар омад-ш пеш,
Бигуфт он чи омад зи бозори хеш.

Сипоҳаш бар ӯ хонданд офарин,
Ҳама барниҳоданд сар бар замин.

Бидонист чинӣ, ки ӯяст шоҳ,
Пиёда биёмад ғиревон ба роҳ.

---

1. ТПЗ – Гаронмоя аспон ба зарринситом,
Ба зарринкамар низ сесад ғулом.
2. И – з-ин ҳар яке сӣ
3. И – барсохт кор.
4. И – зини
5. Л – буду

www.sattor.com

Сикандар бад-ӯ гуфт: «Пӯзиш макун,
Марон пеши Фағфур з-ин дар сухун.

Бибуд он шабу бомдоди пагоҳ
Ба оин[1] биншаст бар тахт шоҳ.

Фиристодаро чиз бахшиду гуфт,
Ки «Бо ту равони Масеҳост ҷуфт.

Бирав пеши Фағфури Чинӣ, бигӯй,
Ки наздики мо ёфтӣ обрӯй,

Гар эдар бибошӣ, ҳама Чин туроcт,
В-агар ҷойи дигар хиромӣ, равост.

Биёсоям эдар, ки чандин сипоҳ
Ба тезӣ нашояд кашидан ба роҳ».

Фиристода баргашту омад чу бод,
Ба Фағфур пайғоми Қайсар бидод.[2]

РАСИДАНИ ИСКАНДАР БА КИШВАРИ СИНД ВА ҶАНГ КАРДАН

Бад-он ҷойгаҳ шоҳ моҳе бимонд,
Чу осуда шуд шоҳ,[3] лашкар биронд.

Аз он сабздарё чу гаштанд боз,
Биёбон гирифтанду роҳи[4] дароз.

Чу манзил ба манзил ба Чағвон расид,
Яке бораву моявар шаҳр дид.

Ба пеш омадандаш бузургони шаҳр
Касе, к-аш зи ному хирад буд баҳр.

Бирафтанд бо ҳадяву бо нисор,
Зи Чағвон сарон то дари шаҳрёр.

1. ИЛ – Ба ором
2. И – б. 1666 нест.
3. Л – Пас он гаҳ бичунбиду; И – Хунук шуд бичунбиду
4. И – гирифтанд роҳе

www.sattor.com

Сикандар сабук пурсиш андаргирифт,
Ки эдар чӣ донед[1] чизе шигифт.

Бад-ӯ гуфт гӯянда, к-«Эй шаҳрёр,
Надонем чизе, ки ояд ба кор,

Бад-ин шаҳр[2] дарвешиву ранҷ ҳаст,
К-аз ин[3] бугзарӣ, бод монад ба даст».

Чу гуфтори гӯянда бишнид шоҳ,
Зи Чағвон сӯи Ҳинд шуд бо сипоҳ.

Пазира шудандаш саворони Синд,
Ҳамон ҷангро ёвар омад зи Ҳинд.

Ҳар он кас, ки аз Фур дилхаста буд,
Ба хун рехтан дастҳо шуста буд.

Бибурданд пилону ҳиндидарой
Хурӯш омаду нолаи каррной.

Сари синдиён буд Бандоҳ[4] ном,
Савори сарафроз, борою ком.

Яке размашон карда шуд ҳамгурӯҳ,
Замин шуд зи афканда бар сони кӯҳ.

Шаб омад, бар он дашт синдӣ намонд,
Сикандар сипоҳ аз пас андарбиронд.

Ба даст омадаш пил ҳаштоду панҷ,
Ҳамон тоҷи заррину шамшеру ганҷ

Зану кӯдаку пирмардон ба роҳ
Бирафтанд гирён ба наздики шоҳ,

Ки «Эй шоҳи бедор, боз ор ҳуш
Масӯзон бару буму[5] кӯдак макуш,

1. ИЛ – бинед
2. И – марз
3. Л – Аз ин
4. ИЛ – ному
5. ИЛ – пиру

www.sattor.com

Ки фарҷом рӯзи ту ҳам бугзарад,
Хунук он, ки гетӣ ба бад наспарад».

Сикандар бар эшон наёвард меҳр,
Бар он хастагон ҳеҷ нанмуд чеҳр.

Гирифтанд аз эшон фаровон асир,
Зану кӯдаки хурду барнову пир.

Сӯи Нимрӯз омад аз роҳи Буст,
Ҳама рӯи гетӣ зи душман бишуст.

В-аз он ҷойгаҳ шуд[1] ба шаҳри Яман,
Ҷаҳонгир бо номдор анҷуман.

Чу бишнид шоҳи Яман, бо меҳон
Биёмад бари шаҳрёри ҷаҳон.

Чунон ҳадяҳо дар[2] Яман баргузид,
Баҳогиру зебо чунон чун сазид.

Даҳ уштур зи бурди Яман бор кард,
Дигар панҷро бор динор кард.

Дигар даҳ шутур бор кард аз дирам,
Чу бошад дирам, дил набошад ба ғам.

Дигар суллаи заъфарон буд ҳазор
Зи дебову аз[3] ҷомаи бешумор.

Забарҷад яке ҷом будаш ба ганҷ,
Ҳамон[4] дурри носуфта ҳаштоду[5] панҷ.

Яке ҷоми дигар буд аз[6] ложвард,
Ниҳод андар ӯ шаст ёқути зард.

Зи ёқути сурх аз бараш бар[7] нигин,
Ба фармонбарон доду кард офарин.

1. Л – ҷо биёмад
2. ИЛ – к-аз
3. И – ҳар
4. И – Ҳама
5. И – ҳафтоду
6. Л – будаш
7. ИЛ – даҳ

www.sattor.com

Ба пеши саропардаи шаҳрёр
Расиданд бо ҳадяву бо нисор.

Сикандар бипурсиду бинвохташ,
Бари тахт наздик биншохташ,

Бар ӯ офарин хонд[1] шоҳи Яман,
Ки «Пирӯзгар бош бо[2] анҷуман.

Ба ту шодам, ар бошӣ эдар ду моҳ,
Биёсояд[3] аз роҳу шоҳу сипоҳ».

Сикандар бар ӯ офарин карду гуфт,
Ки «Бо ту ҳамеша хирад бод ҷуфт».

Ба шабгир шоҳи Яман бозгашт,
Зи лашкар ҷаҳоне пуровоз[4] гашт.

ЛАШКАР КАШИДАНИ СИКАНДАР СӮИ БОБУЛ

Сикандар сипаҳ сӯи Бобул кашид,[5]
Зи гарди сипаҳ шуд ҷаҳон[6] нопадид.

Ҳаме ронд як моҳ худ бо сипоҳ,
Надиданд аз эшон кас оромгоҳ.[7]

Бар ин гуна то сӯи кӯҳе расид,
Зи дидори дида сараш нопадид.

Ба сар-бар яке абри торик буд,
Ба кайвон ту гуфтӣ, ки наздик буд.

Зи ҷое бад-ӯ-бар надиданд роҳ,
Фурӯ монд аз он кор шоҳу сипоҳ.

1. Л – кард
2. Л – бар
3. ИЛ – Баросояд
4. Л – ҷаҳон пур зи овоз
5. И – пештар баркашид,
6. Л – ҳаво
7. И – б. 1705 нест.

www.sattor.com

Гузаштанд бар кӯҳи хоро ба ранҷ,
В-аз ӯ хира шуд марди бориксанҷ.

Зи рафтан чу гаштанд яксар сутӯҳ,
Яке жарфдарё аз он рӯи кӯҳ

Падид омаду шод шуд з-он сипоҳ,
Ки дарёву ҳомун бидиданду роҳ,

Сӯи жарфдарё ҳаме ронданд,
Ҷаҳонофаринро ҳаме хонданд.

Даду дом дар[1] ҳар сӯе бешумор,
Сипаҳро набуд хӯрданӣ ҷуз шикор.

Падид омад аз дур марди сутург,
Пур аз мӯю бо гӯшҳои бузург.

Танаш зери мӯй, андарун ҳамчу нил,
Ду гӯшаш ба паҳнои ду гӯши пил.

Чу диданд гурдон касе з-ин[2] нишон,
Бибурданд пеши Сикандар кашон.[3]

Сикандар нигаҳ кард, з-ӯ хира монд,
Бар ӯ-бар ҳаме номи Яздон бихонд.

«Чи мардӣ,-бад-ӯ гуфту[4] номи ту чист?
Зи дарё[5] чӣ ёбиву[6] коми ту чист?»

Бад-ӯ[7] гуфт: «Шоҳо, маро бобу мом
Ҳаме Гӯшбистар ниҳоданд ном».

Бипурсид, к-«Он чист ба м-ёни об,
К-аз он сӯ барояд ҳаме[8] офтоб?»

1. И – буд
2. Л – гарданкашон з-он
3. И – б. 1716 нест.
4. ИЛ – гуфт,
5. Л – дунё
6. И – Чӣ ёбӣ зи дарёву
7. Л – Чунин
8. Л – барзанад.

www.sattor.com

Чунин дод посух, ки «эй шаҳрёр,
Ҳамеша бизӣ дар ҷаҳон номдор,

Яке шорсон аст он чун биҳишт,
Ки гӯйӣ на аз хок дорад сиришт.

Набинӣ бад-ӯ-андар айвону хон,
Магар пӯшиши ӯ ҳама[1] устухон.

Бар айвонҳо ҷанги Афросиёб
Нигорида равшантар аз офтоб.

Ҳамон чеҳри Кайхусрави ҷангҷӯй,
Бузургиву мардиву оҳанги ӯй.[2]

Бар он устухонҳо нигорида пок,
Набинӣ ба шаҳр - андарун гарду хок.

Зи моҳӣ бувад мардумонро х(в)ариш,
Надоранд чизе ҷуз ин парвариш.

Чу фармон диҳад номбардор шоҳ,
Равам ман бад-он шорсон бесипоҳ».

Сикандар бад-он гӯшвар гуфт: «Рав,
Биёвар касе, то ки бинем нав».

Бишуд Гӯшбистар ҳам андар замон,
Аз он шорсон бурд мардум дамон.[3]

Гузаштанд бар об ҳаштод мард,
Хирадёфта мардуми солх(в)ард.

Ҳама ҷомаҳошон зи хаззу ҳарир,
Аз ӯ чанд барно буду чанд пир.

Аз он ҳар кӣ пире буду ном дошт,
Пур аз дурр заррин яке ҷом дошт.

1. Л – бувад
2. И – б. 1725 нест.
3. ТПЗ – Бад-эшон бидод ӯ зи Қайсар паём,
Ки хоҳад шуморо шаҳи некном.
Чу он гуфта бишнид пиру ҷавон,
Аз он шорсон кеҳтарону меҳон.

www.sattor.com

Касе к-ӯ ҷавон буд, тоҷе ба даст,
Бари Қайсар омад сар афканда паст.

Бирафтанду бурданд пешаш намоз,
Бигуфтанд бо ӯ замоне дароз.[1]

Бибуд он шабу гоҳи бонги хурӯс,
Зи даргоҳ бархост овои кӯс.

Аз он ҷойгаҳ сӯи Бобул кашид,
Замин гашта аз лашкараш нопадид.

НОМАИ ИСКАНДАР НАЗДИ АРИСТОЛИС ВА ПОСУХ ЁФТАН

Бидонист, к-аш марг наздик шуд,
Бар ӯ-бар ҳаме рӯз торик шуд.

Бар он будаш андеша, к-андар ҷаҳон
Намонад касе аз нажоди меҳон,

Ки лашкар кашад ҷангро сӯи Рум,
Ниҳад пай бар он хоки ободбум.

Чу мағз андар ин кори[*2] худкома кард,
Сӯи Арситолис яке нома кард.[3]

---

1. ТПЗ – Ки наздики мо ганҷи Кайхусрав аст,
Сазовори ту шаҳрёри нав аст.
Сикандар биёмад ҳам андар шитоб
Сӯи шаҳри Эрону бгзошт об,
Бидид он ҳама шаҳру бозору кӯй,
Бад-он хонаи ганҷ шуд номҷуй.
Ҳама ганҷ буд тоҷу ҳам тахти зар,
Ҳамон афсару ёраҳову камар.
Кас андозаи он надонист кард,
К-аз андоза бас нотавон гашт мард,
Ҳама пок бардошт омад дамон,
Ба лашкаргаҳи хештан шодмон.
2. М - ройи
3. ТПз – Ки рой ончунон дорам андар замон,
Ки як тан намонам зи тухми меҳон.
Кунун ҳафт кишвар бигаштам тамом,
Басе сарваронро кашидам ба дом.
Ҳамоно маро марг наздик шуд,
Чу марг омадам, рӯз торик шуд.

www.sattor.com

Ҳар он кас, ки буд ӯ зи тухми каён,
Бифармудашон, то бубандад миён,

Ҳама рӯйҳо сӯи даргаҳ кунанд,
Зи бадҳо гумонеш, кӯтаҳ кунанд.

Чу нома бибурданд назди ҳаким,
Дили Арситолис шуд пур зи бим.[1]

Ҳам андар замон посухи нома кард,
Зи мижгон, ту гуфтӣ, сари хома кард,

Ки «Он номаи шоҳи кайҳон расид,
Зи бадкома дастат бибояд кашид.

Аз он бад, ки гуфтӣ, маяндеш низ,
В-аз андеша дарвешро бахш чиз.

Бипарҳезу танро ба Яздон супор,
Ба гетӣ ҷуз аз тухми некӣ макор.

Ҳама маргроем, то зодаем,
Ба бечорагӣ дил бад-ӯ додаем.

На ҳар кас, ки шуд, подшоҳӣ бибурд,
Бирафту[2] бузургӣ касеро супурд.

Бипарҳезу хуни бузургон марез,
Ки нафрин бувад бар ту то растахез,

Ва дигар, ки чун андар эронсипоҳ
Набошад ҳамон шоҳ дар пешгоҳ.

Зи Турку зи Ҳинду зи Сақлобу Чин,
Сипоҳ ояд аз ҳар сӯе ҳамчунин.

Ба Рум ояд он кас, ки Эрон гирифт,
Агар кин басечад, набошад шигифт.

Ҳар он кас, ки ҳаст аз нажоди каён,
Набояд, ки аз бод ёбад зиён.

1. Л – бар ду ним; И – буд бар ду ним.
2. ИЛ – Ба рафтан

www.sattor.com

Бузургону озодагонро бихон,
Ба ҷашну[1] ба суру ба рою ба хон.

Сазовори ҳар меҳтаре кишваре
Биёрову оғоз кун дафтаре.

Ба номи бузургону озодагон,
К-аз эшон ҷаҳон ёфтӣ ройгон,

Якеро мадеҳ бар дигар дастгоҳ,
Касеро махон дар ҷаҳон низ шоҳ.

Сипар кун каёнро ҳама пеши бум,
Чу хоҳӣ, ки лашкар наёяд ба Рум».

Сикандар чу посух бад-он гуна ёфт,
Ба андешаву ройи дигар шитофт.

Бузургону озодагонро зи даҳр,
Ҳар он кас, к-аш аз мардумӣ буд баҳр,

Бифармуд, то пеши ӯ хонданд,
Ба ҷойи сазовор биншонданд.

Яке аҳд бинвишт, то[2] ҳар яке
Фузунӣ наҷӯяд зи даҳр андаке.

Бар он номдорони ҷӯяндаком,
Мулуки тавоиф ниҳоданд ном.

Ҳамон шаб Сикандар ба Бобул расид,
Меҳонро ба дидори ӯ[3] шод дид.

Яке кӯдак омад занеро ба шаб,
Аз ӯ монд ҳар кас, ки дидаш,[4] аҷаб.

Сараш чун сари шеру бар пой сум,
Чу мардум бару китфу[5] чун гов дум,

1. ИЛ – Ба бахшу
2. Л – бо
3. И – худ
4. Л – дид он,
5. ИЛ – китфу

www.sattor.com

Бимурд он шигифтӣ ҳамон гаҳ ки зод,
Сазад гар нагиранд аз он зан нажод.

Бибурданд ҳам дар замон назди шоҳ,
Бад-ӯ кард шоҳ аз шигифтӣ нигоҳ.

Ба фолаш бад омад ҳамон гоҳ гуфт,
Ки «Ин тухмаро[1] хок бояд нуҳуфт».

Аз ахтаршиносон басе пеш хонд,
В-аз он кӯдаки мурда чанде биронд.

Ситорашумар з-он ғамӣ гашт сахт,
Бипӯшид бар хусрави некбахт.

Аз ахтаршиносон бичӯшиду гуфт,
Ки «Гар ҳеҷ монад сухан дар нуҳуфт,

Ҳам акнун саронтон бибуррам зи тан,
Наёбед[2] ҷуз коми шерон кафан!»

Ситорашумар, чун барошуфт шоҳ,
Бад-ӯ гуфт, к-«Эй номвар пешгоҳ,

Ту бар ахтари шер зодӣ нахуст,
Бари мӯбадону радон шуд дуруст,

Сари баччаи мурда бинӣ чу шер,
Бигардад сари подшоҳӣ ба зер.[3]

Ситорашумар пеши ӯ[4] ҳар кӣ буд,
Ҳамин гуфту инро нишонӣ[5] намуд.

Сикандар чу бишнид, з-он шуд ғамӣ,
Ба рою ба мағз-андар омад камӣ.

Чунин гуфт, к-«Аз марг худ чора нест,
Маро бар дил андеша з-ин бора нест.

1. Л – бачаро
2. Л – Набошед
3. Л – далер:
ТПИЛМ – Пурошӯб гардад замин чанд гоҳ,
Чунин то нишинад яке пешгоҳ.
4. Л – аз ин; И – аз он
5. Л – Ҳаме гуфту инро нишонҳо

www.sattor.com

Маро беш аз ин зиндагонӣ набуд,
Замона на коҳид, на ҳаргиз[1] фузуд».

НОМАИ ИСКАНДАР БА НАЗДИКИ МОДАР ВА АНДАРЗ КАРДАН

Ба Бобул ҳамон рӯз шуд дардманд,
Бидонист, к-омад ба тангӣ газанд.

Дабири ҷаҳондидаро пеш хонд,
Ҳар он ч-аш ба дил буд, бо ӯ[2] биронд.

Ба модар яке нома фармуду гуфт,
Ки огоҳии марг натвон нуҳуфт.

Зи гетӣ маро баҳра ин буд, ки буд,
На коҳад замона, на шояд фузуд.

Ту аз марги ман ҳеҷ ғамгин машав,
Ки андар замон[3] ин сухан нест нав.

Ҳар он кас, ки зояд, бибояд-ш мурд,
Агар шаҳрёр аст, агар марди хурд.

Бигӯям кунун бо бузургони Рум,
Ки чун бозгарданд аз ин марзу бум,

Наҷӯянд ҷуз рою фармони ту,
Касе барнагардад зи паймони ту.

Ҳар он кас, ки буданд аз эрониён,
К-аз эшон будӣ румиёнро зиён,

Супурдам ба ҳар меҳтаре кишваре,
Чу гардад бад-он подшоҳӣ саре,

Ҳамоно ниёзаш наёяд ба Рум,
Баросояд аз душман он марзу бум.

Ба соле зи динори ман сад ҳазор,
Бубахшед бар мардуми хешкор.

---

1. И – нахоҳад
2. И – вай
3. ИЛ – ҷаҳон

www.sattor.com

Маро мурда дар хоки Миср[1] оганед,
Зи гуфтори ман ҳеҷ мапроганед.

Гарояд яке Равшанакро писар,
Шавад бегумон зинда номи падар,

Набояд, ки бошад ҷуз ӯ шоҳи Рум,
Ки ӯ тоза гардонад он марзу бум.

В-агар духтар ояд, ба ҳангоми бӯс,
Бипайванд бо кӯдаки Файлақус.

Ту фарзанд хонаш, на домоди ман,
Бад-ӯ тоза кун дар ҷаҳон ёди ман,

Дигар духтари Кайдро бегазанд
Фиристед назди падар[2] арҷманд.

Або бадраву бардаи[3] некхоҳ
Иморӣ басечед бо ӯ ба роҳ.[4]

Ҳамон[5] афсару гавҳару симу зар,
Ки оварда буд ӯ зи назди падар,

Ба рафтан чун ӯ гашт ҳамдостон,
Фиристед бо ӯ ба Ҳиндустон.

Ман эдар ҳама кор кардам ба барг,[6]
Ба бечорагӣ дил ниҳодам ба марг.

Нахуст он ки тобути заррин кунед,
Кафан бар сарам[7] анбарогин кунед.

Зи зарбафти чинӣ сазовори ман,
Касе сар напечад зи тимори ман,

---

1. Л – меҳр
2. Л – падар-ш
3. Л – бардаву.
4. И – б. 1795 1801 нест.
5. И – Ҳама
6. ТПЗ – Ба андарзи ман гӯш бояд кушуд,
   Бад-ин гуфти ман-дар набояд фузуд.
7. ИЛ – танам.

www.sattor.com

Ҳама дарзи тобути моро ба қир
Бигиреду[1] кофуру мушку абир,

Нахуст оганед андар ӯ ангубин,
Зи бар ангубин, зер дебои Чин.

Аз он пас тани ман ниҳед андар ӯй,
Сар ояд сухан, чун бипӯшед рӯй.

Ту панди ман, эй модари пурхирад,
Нигаҳ дор, то рӯзи ту бугзарад.

Зи чизе, ки овардам аз Ҳинду Чин,
Зи Тӯрону Эрону Мукронзамин,

Бидору бубахш он чи афзун бувад,
В-аз андозаи хурд берун бувад.

Ба ту ҳоҷат он аст, эй меҳрубон,
Ки бедор бошиву равшанравон,

Надорӣ тани хешро ранҷа[2] бас,
Ки андар ҷаҳон нест ҷовид кас.

Равонам равони туро бегумон
Бубинад, чу танг андар ояд замон.

Шикебоӣ аз меҳр номитар аст,
Сабуксар шавад,[3] ҳар кӣ ӯ кеҳтар аст.

Туро меҳр буд бар танам солу моҳ,
Кунун ҷони покам зи Яздон бихоҳ.

Бад-ин хостан бош фарёдрас,
Ки фарёд гирад маро дасту бас.

Нигар, то кӣ бинӣ ба гирди[4] ҷаҳон,
Ки ӯ нест аз марг хаста равон».[5]

---

1. Л – Бигиранду
2. И – ранҷ.
3. ИЛМ – бувад
4. Л – киро бинӣ андар
5. ТПМ – Равонам равони туро банда бод,
   Ҳама рӯзгори ту фархунда бод.

www.sattor.com

1820 Чу нома ба мӯҳр андароварду[1] банд,
Бифармуд, то бар сутури наванд

Зи Бобул ба Рум оваранд огаҳӣ,
Ки тира шуд он фарри шоҳаншаҳӣ.

МУРДАНИ ИСКАНДАР БА БОБУЛ

Чу огоҳ шуд лашкар аз дарди шоҳ,
Ҷаҳон гашт[2] бар номдорон сиёҳ.

Ба тахти бузургӣ ниҳоданд рӯй,
Ҷаҳон шуд саросар пур аз гуфтугӯй.

Сикандар зи лашкар чу огоҳ шуд,
Бидонист, к-аш рӯз кӯтоҳ шуд.

1825 Бифармуд, то тахт берун баранд,
Зи айвони шоҳӣ ба ҳомун баранд.

Зи бемории шаҳ ғамӣ шуд сипоҳ,
Ки беранҷ диданд рухсори шоҳ.

Ҳама дашт яксар[3] хурӯшон шуданд,
Чу бар оташи тез ҷӯшон[4] шуданд.

Ҳаме гуфт, ҳар кас, ки бад рӯзгор,
Ки аз румиён кам шавад шаҳрёр,

Фароз омад он гардиши рӯзи[5] шум,
Ки вайрон шавад з-ин сипас буми Рум.

1830 Ҳама душманон коми дил ёфтанд,
Расиданд ҷое, ки биштофтанд.

Ба мо-бар кунун талх гардад ҷаҳон,
Хурӯшон шавем ошкору ниҳон».

1. И – овард
2. Л – шуд
3. Л – даст бар сар
4. Л – бирён
5. Л – бахти

www.sattor.com

Чунин гуфт Қайсар ба овози нарм,
Ки тарсанда[*1] бошеду борою шарм,

Аз[2] андарзи ман як нафас нагзаред,[3]
Чу хоҳед, к-аз ҷону тан бар х(в)аред.

Пас аз ман шуморо ҳамин аст кор,
На бо ман ҳаме бад кунад рӯзгор».

Бигуфт ину ҷонаш баромад зи тан,
Шуд он номвар шоҳи лашкаршикан.

Зи лашкар баромад саросар хурӯш,
Ҳаворо бидаррид аз овоз гӯш.

Ҳама хок бар сар ҳаме рехтанд,
Ба мижгон ҳаме хуни дил бехтанд.

Заданд оташ андар сарои нишаст,
Ҳазор аспро дум буриданд паст.

Ниҳода бар аспон нагунсор зин,
Ту гуфтӣ, ҳаме бархурӯшад[4] замин.

Бибурданд сандуқи заррин ба дашт,
Ҳаме нола аз осмон баргузашт.

Сақубо бишусташ ба мушку гулоб,
Пароканд бар тан-ш кофуру[5] ноб.

Зи дебои зарбафт кардаш кафан,
Хурӯшон бар он шаҳрёр анҷуман.

Тани номвар зери дебои Чин
Ниҳоданд то пой дар ангубин.

Сари танг тобут карданд сахт,
Шуд он соягустар диловар дарахт[6].

1. М – то зинда
2. Л – Зи
3. Л – сар ба сар магзаред,
4. ИЛ – хун хурӯшад
5. ИЛ – кофури
6. Л – зи тахт.

www.sattor.com

Намонӣ ҳаме дар сарои сипанҷ,
Чӣ ёзӣ[1] ба тахту чӣ нозӣ ба ганҷ?!

Чу тобуташ аз дашт бардоштанд,
Ҳаме даст бар даст бугзоштанд.

Дар овоз буд румиву порсӣ,
Суханшон зи тобут шуд як басе.

Ҳар он кас, ки ӯ порсӣ буд, гуфт,
Ки «Ӯро ҷуз эдар набояд нуҳуфт.

Чу эдар бувад хоки шоҳаншаҳон,
Чӣ тозед[2] тобут гирди ҷаҳон?»

Чунин гуфт румӣ яке раҳнамой,
Ки «Эдар нуҳуфтан маро[3] нест рой.

Агар бишнавед он чи гӯям дуруст,
Сикандар дар[4] он хок резад, ки руст».

Яке порсе низ гуфт, ин сухун:
«Агарчанд гӯйӣ, наёяд ба бун,

Намоям шуморо яке марғзор,
Зи шоҳони пешинагон ёдгор.

Варо Хурм хонад ҷаҳондида пир,
Бад-ӯ - андарун бешаву обгир.[5]

Чу пурсӣ, туро посух ояд зи кӯҳ,
Ки овози онро бидонад[6] гурӯҳ.

Биёред мар пири фартутро,
Ҳам эдар бидоред тобутро».

1. ИЛ – нозӣ
2. И – тозанд
3. ИЛ – варо
4. Л – бар
5. Л – Пас аз б. 1854 ин б. омада:

Яке кӯҳ руста дар он марғзор,
Ки гар бод ёбад бар ӯ-бар гузор.

6. Л – ӯ бишнавад ҳар

www.sattor.com

Бипурсад ва[1] аз кӯҳ посух диҳанд,[2]
Шуморо бад-ин ройи фаррух ниҳанд.

Бирафтанд пӯён ба кирдори ғурм,
Бад-он беша, к-ӯ номзад шуд ба Хурм.

Бигуфтанду[3] посух чунин дод боз,
Ки «Тобути шоҳон чӣ дорӣ дароз,

Ки хоки Сикандар ба Искандарист,
Ки кард ӯ бад-он[4] рӯзгоре, ки зист».

Чу овоз бишнид лашкар, бирафт,
Бибурданд аз он беша сандуқ тафт.

ШЕВАНИ ҲАКИМОН БАР ИСКАНДАР

Чу Искандар омад[5] ба Искандарӣ,
Ҷаҳонро дигаргуна шуд доварӣ.

Ба ҳомун ниҳоданд тобути ӯй,
Замин[6] шуд саросар пур аз гуфтугӯй,

Ба Искандари кӯдаку марду зан
Ба тобути ӯ баршуданд анҷуман.

Агар баргирифтӣ зи мардум шумор,
Муҳандис фузун омадӣ сад ҳазор.

Ҳамон Арситолис пеш-андарун,
Ҷаҳоне бар ӯ дидагон[7] пур зи хун,[8]

Бар он тангтобут бинҳод даст,
Чунин гуфт, к-«Эй шоҳи яздонпараст,

Куҷо он ҳушу донишу ройи ту,
Ки ин тангтобут шуд ҷойи ту?

1. Л – Бипурсед то; И – Бипурсед, к-аз
2. Л – диҳад.
3. И – Бигуфтанд
4. Л – ӯ карда буд
5. Л – Чу омад Сикандар
6. И – Ҷаҳон
7. Л – дидаҳо
8. И – л. 1866 нест.

www.sattor.com

Ба рӯзи ҷавонӣ бад-ин моя сол,
Чаро хокро баргузидӣ[1] ниҳол?»[2]

Ҳакимони румӣ шуданд анҷуман,
Яке гуфт, к-«Эй пили рӯинатан,

Зи поят кӣ афканду ҷоят кӣ ҷуст,
Куҷот он ҳама ҳазму[3] ройи дуруст?»

Дигар гуфт: «Чандин нуҳуфтӣ ту зар,
Кунун зар чӣ дорад танатро ба бар?»[4]

Дигар гуфт, к-«Аз дасти ту кас наҷаст,
Чаро судӣ, эй шоҳ, бо марг даст?»

Дигар гуфт, к-«Осудӣ аз дарду ранҷ,
Ҳамон[5] ҷустани подшоҳиву ганҷ!»

Дигар гуфт: «Чун пеши довар шавӣ,
Ҳамон бар,[6] ки киштӣ, ҳамон бидравӣ!»

Дигар гуфт: «Бедастгоҳ он бувад,
Ки резандаи хуни шоҳон бувад!»

Дигар гуфт: «Мо чун ту бошем зуд,
Ки будӣ ту чун гавҳари нобисуд».

Дигар гуфт: «Чун бинадат устод,
Биёмӯзад он чиз, к-ат нест ёд».

Дигар гуфт, к-«Аз марг чун ӯ наҷаст,
Сазад гар ба бешӣ наёзем[7] даст».

Дигар гуфт к-«Эй бартар аз моҳу меҳр,
Чаро пӯшӣ аз анҷуман[8] хуб чеҳр?»

1. Л – хокро пай гузидӣ
2. И – б. 1869 нест;
3. Л – Куҷо он ҳама Хурму; И – Куҷот он ҳама Хурму
4. Л – ки дорӣ, танатро бихар.
5. Л – Ҳам аз
6. И – бад
7. ИЛ – Ба бешӣ сазад гар наёрем
8. Л – Чӣ пӯшӣ ҳаме з-анҷуман

www.sattor.com

Дигар гуфт: «Марди фаровонҳунар
Бикӯшад, ки чеҳра напӯшад ба зар.

Кунун, эй ҳунарманд, марди далер,
Туро зарри зард[1] оваридаст зер».

Дигар гуфт: «Дебо бипӯшидаӣ,
Зи мо чеҳри зебо бипӯшидаӣ.[2]

Кунун сар зи дебо баровар, ки тоҷ
Ҳаме ҷӯядат, ёраву тахти оҷ».

Дигар гуфт, к-«Аз моҳрух бандагон,
Зи чиниву румӣ парастандагон

Буридиву зар дорӣ андар канор,
Ба расми каён зарру дебо мадор».

Дигар гуфт: «Пурсанда пурсад кунун,
Чӣ ёд оядат посухи раҳнамун,

Ки хуни бузургон чаро рехтӣ?
Ба сахтӣ ба ҷанг андаровехтӣ?

Надидӣ, ки чанд аз бузургон, ки мурд,[3]
Зи гетӣ ба чуз[4] номи некӣ набурд».

Дигар гуфт: «Рӯзи ту андаргузашт,
Забонат зи гуфтор бекор гашт.

Ҳар он кас, ки ӯ тоҷу тахти ту дид,
Инон аз бузургӣ бибояд кашид,

Ки бар кас намонад, чу бар ту намонд,
Дарахти бузургӣ набояд нишонд».

Дигар гуфт: «кирдори ту бод гашт,
Сари саркашон аз ту озод гашт.

1. Л – зарру зӯр
2. Л – На пӯшидаӣ низу на дидаӣ.
3. Л – Ки дидӣ, ки чандон бузургон бимурд.
4. Л – ҷуз аз

www.sattor.com

Бубинӣ кунун боргоҳи бузург,
Ҷаҳоне ҷудо карда аз меш гург».[1]

Дигар гуфт, к-«Андар сарои сипанҷ,
Чаро доштӣ хештанро ба ранҷ?

Ки баҳри ту ин омад аз ранҷи ту,
Яке тангтобут шуд[2] ганҷи ту.

Биҷӯйӣ[3] ҳаме нолаи бӯқро,[4]
Писанд омадат банд[5] сандуқро».[6]

Дигар гуфт: «Чун лашкарат бозгашт,
Ту танҳо бимонӣ бар ин паҳндашт.

Ҳамоно паси ҳар касе бингарӣ,
Фаровон ғами зиндагонӣ х(в)арӣ».

ШЕВАН КАРДАНИ МОДАР ВА ЗАНИ ИСКАНДАР БАР Ӯ

В-аз он пас[7] биёмад дамон модараш,
Фаровон бимолид рух бар бараш.[8]

Ҳаме гуфт, к-«Эй номвар подшо,
Ҷаҳондору некахтару порсо,

Ба наздикӣ-андар ту дурӣ зи ман,
Ҳам аз кишвару[9] лашкару[10] анҷуман,

Равонам равони туро банда бод,
Дили ҳар к-аз ин шод шуд, канда бод!»

В-аз он пас бишуд Равшанак пур зи дард,
Чунин гуфт, к-«Эй шоҳи озодмард,

---

1. И – б. 1894 нест.
2. Л – буд
3. ИЛ – Наҷӯй
4. И – буқу тарг
5. Л – Писандидӣ ин танг
6. И – сандуқу марг.
7. И – он ҷо
8. И – сараш.
9. Л – ахтару
10. И – лашкару афсару

www.sattor.com

Ҷаҳондор Дорои[1] Доро куҷост,
К-аз ӯ дошт гетӣ ҳама[2] пушт рост?

Ҳамон Хусраву Ашку Фарёну Фур,
Бузургони Синду шаҳи шаҳри Зур,

Дигар шаҳрёрон, ки рӯзи набард,
Саронشон зи бод андар омад ба гард?

Чу абре будӣ тунду бораш[3] тагарг,
Туро гуфтам эмин шудастӣ зи марг,

Зи бас разму пайкору хун рехтан,
Чи танҳо, чи бо лашкар овехтан,

Замона туро дод, гуфтам ҷавоз,
Ҳаме дорӣ аз мардуми хеш роз.

Чу кардӣ ҷаҳон аз бузургон тиҳӣ,
Бияндохтӣ тоҷи шоҳаншаҳӣ,

Дарахте, ки киштӣ, чу омад ба бор,
Ҳаме хок бинам туро ғамгусор».

Чу тоҷи сипеҳр андаромад ба зер,
Бузургон зи гуфтор гаштанд сер.

Нуҳуфтанд сандуқи ӯро ба хок,
Надорад ҷаҳон аз чунин кор[4] бок.

Зи бод андарорад, барад[5] сӯи дам,
На дод аст пайдо, на хонам[6] ситам.

Наёбӣ ба чуну чаро низ роҳ,
На кеҳтар бад-ин даст ёбад, на шоҳ,

Ҳама некувӣ бояду мардумӣ,
Ҷавонмардиву хубиву[7] хуррамӣ.

1. И – Доробу
2. Л – ҳаме
3. И – бодаш
4. Л – шарму
5. И – омад, бишуд
6. И – Ба дод аст пайдо нишони
7. ИЛ – хӯрдану

www.sattor.com

Ҷуз инат набинам ҳаме баҳрае,
Агар кеҳтаре бошӣ, ар[1] шӯҳрае.

Агар монд эдар зи ту номи зишт,
Наёбӣ, афаллоҳ, хуррамбиҳишт,

Чунин аст расми сарои куҳан,
Сикандар шуду монд эдар сухан.

Чун[2] ӯ сиву шаш подшоро бикушт,
Нигар, то чӣ дорад зи гетӣ ба мушт?

Баровард пурмоя даҳ шорсон,
Шуд он шорсонҳо кунун хорсон.

Бичуст он, ки ҳаргиз начустаст кас,
Сухан монд аз ӯ андар офоқу бас.

Сухан беҳ, ки вайрон нагардад сухан,
Чу аз барфу борон сарои куҳан.

Гузаштем аз ин[3] садди Искандарӣ,
Ҳама беҳтарӣ боду некахтарӣ.

Дили шаҳрёри ҷаҳон шод бод,
Зи ҳар бад тани покаш озод бод!

ГИЛА КАРДАНИ ФИРДАВСӢ АЗ ПИРӢ ВА ДАҲР

Алоё, дилорой[4] чархи баланд,
Чӣ дорӣ ба пирӣ маро мустаманд?

Чу будам ҷавон. бар барам доштӣ,
Ба пирӣ маро хор бугзоштӣ,

Ҳаме зард гардад гули комгор,
Ҳаме парниён гардад аз ранҷ хор.

1. Л – кеҳтариву агар
2. Л –Чу
3. И – з-ин
4. И – Ало, эй бароварда

www.sattor.com

Дутоӣ шуд он сарви нозон ба боғ,
Ҳамон тира гашт он гиромӣ чароғ.

Пур аз барф шуд кӯҳсори сиёҳ,
Ҳаме лашкар аз шоҳ бинад гуноҳ.

Ба кирдори модар будӣ то кунун,
Ҳаме рехт бояд зи ранҷи ту хун.

Вафову хирад нест наздики ту,
Пур аз дардам[1] аз роҳи торики ту,

Маро кош ҳаргиз напарвардие,
Чу парванда будӣ, наёзурдие.

Ҳар он гаҳ к-аз ин тирагӣ бугзарам,
Бигӯям ҷафои ту бо доварам.

Бинолам зи ту пеши Яздони пок,
Хурӯшону бар сар пароканда хок.

Зи пирӣ маро тангдил дид даҳр,
Ба ман боз дод аз[2]гуноҳаш ду баҳр».

Чунин дод посух сипеҳри баланд,
Ки «Эй пири гӯяндаи бегазанд,

Чаро бинӣ аз ман ҳаме неку бад?
Чунин нола аз донишӣ кай сазад?

Ту аз ман ба ҳар борае бартарӣ,
Равонро ба дониш ҳаме парварӣ.

Хӯру хобу ройи нишастан турост,
Ба неку ба бад роҳ ҷустан турост.

Бад-ин ҳар чӣ гуфтӣ, маро роҳ нест,
Хуру моҳ аз ин дониш огоҳ нест.

Аз он ҷӯй роҳат, ки роҳ офарид,
Шабу рӯзу хуршеду моҳ офарид.

1. И – ранҷам
2. И – он

www.sattor.com

Яке он, ки ҳастии ӯ роз нест,
Ба кореш анҷому[1] оғоз нест.[2]

Ман аз офариниш яке бандаам,
Парастандаи офаринандаам.

Нагардам[3] ҳаме ҷуз ба фармони ӯй,
Натобам ҳаме сар[4] зи паймони ӯй.

Ба Яздон гирову ба Яздон паноҳ,
Бар андоза з-ӯ ҳар чӣ хоҳӣ, бихоҳ.

Ҷуз ӯро мадон[5] Кирдгори сипеҳр,
Фурӯзандаи Моҳу Ноҳиду Меҳр.

В-аз ӯ бар равони Паямбар[6] дуруд,
Ба ёрон-ш-бар ҳар яке барфузуд.

---

1. И – фарҷому
2. ТПЗМ – Чӣ гӯяд бибош, он чи хоҳад будаст.
   Касе к-ӯ ҷуз ин донад, ӯ беҳудаст.
3. И – Накардам
4. И – Наёрам гузаштан
5. И – махон
6. И – Муҳаммад

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ АШКОНИЁН

Дусад сол буд

ГУФТОР АНДАР СИТОИШИ СУЛТОН МАҲМУД

Кунун подшоҳи ҷаҳонро ситой,
Ба базму ба разму ба дониш гирой,

Ҷаҳондор Абулқосими пурхирад,
Ки рояш ҳаме аз хирад бар хӯрад.

Ҳаме бод то ҷовидон шоддил,
Зи ранҷу зи ғам гашта озоддил.

Сарафроз Маҳмуди фархундарой
К-аз ӯяст номи бузургӣ ба пой.

Шаҳаншоҳи Эрону Зобулситон,
Зи Қаннуч то марзи Кобулситон,

Бар ӯ офарин боду бар лашкараш,
Чи бар хешу бар дудаву кишвараш,

Ҷаҳондор солори ӯ Мири Наср,
К-аз ӯ шодмон аст гиранда аср,

Ки пирӯзном асту пирӯзбахт,
Ҳаме бугзарад килки ӯ бар дарахт,

Сипаҳдор чун Булмузаффар бувад,
Сари лашкар аз моҳ бартар бувад.

Ҳамеша тани шоҳ беранҷ бод,
Нишасташ ҳама бар сари ганҷ бод!

Ҳамедун сипаҳдори ӯ шод бод,
Дилаш равшану ганҷаш ободбод!

Чунин то ба пой аст гардонсипеҳр,
Аз ин тухма ҳаргиз мабуррод меҳр.

Падар бар падар-бар, писар бар писар
Ҳама тоҷвар боду пирӯзгар!

www.sattor.com

Гузашта зи шаввол даҳ бо чаҳор,
Яке офарин бод бар шаҳрёр.

Аз ин муждае дод баҳри хироҷ,
Ки фармон буд аз шоҳи бофарру тоҷ,

Ки соле хироҷе нахоҳанд пеш
Зи диндори бедору аз марди кеш,

Бад-ин аҳди Нӯшервон тоза шуд,
Ҳама кор бар дигар андоза шуд.

Чу ояд бар он рӯзгоре дароз,
Ҳаме густарад чодари дод боз.

Бубинӣ бад-ин доду некӣ гумон,
Ки ӯ хилъате ёбад аз осмон,

Ки ҳаргиз нагардад куҳан дар бараш,
Бимонад кулоҳи кайӣ бар сараш.

Сараш сабз боду танаш бегазанд,
Маниш баргузашта зи чархи баланд.

Надорад касе хор фоли маро,
Куҷо бишмарад моҳу соли маро?

Нигаҳ кун, ки ин нома то ҷовидон
Дирафше шавад бар сари бихрадон.

Каюмаррасӣ тухмае гардад ин,
Ки хонанд ҳар кас бар ӯ офарин.

Чунин гуфт Нӯшервони Қубод,
Ки «Чун шоҳро сар бупечад зи дод,

Кунад чарх маншури ӯро сиёҳ,
Ситора нахонад варо низ шоҳ.

Ситам номаи азли шоҳон бувад,
Чу дарди дили бегуноҳон бувад.

Бимонод то ҷовидон ин гуҳар,
Ҳунарманду бодонишу додгар.

www.sattor.com

Набошад ҷаҳон бар касе пойдор,
Ҳама номи некӣ бувад ёдгор.

Куҷо Офаридуну Заҳҳоку Ҷам,
Меҳони араб, хусравони Аҷам?

Куҷо он бузургони Сосониён,
Зи Баҳромиён то ба Сомониён?

Накӯҳидатар шоҳ Заҳҳок буд,
Ки бедодгар буду нопок буд.[1]

Фаридуни фаррух ситоиш бибурд,
Бимурд ӯву ҷовид номаш намурд.

Сухан монд андар ҷаҳон ёдгор,
Сухан беҳтар аз гавҳари шоҳвор.

Ситоиш набурд, он ки бедод буд,
Ба тахту ба ганҷи меҳӣ шод буд.

Гусиста шуд андар ҷаҳон коми[2] ӯй,
Нахонад[3] ба гетӣ касе номи[4] ӯй.

Аз ин номаи[5] шоҳи мардумнавоз,
Ки бодо ҳамасола[6] бар тахти ноз,

Ҳама мардум аз хонаҳо шуд ба дашт,
Ниёиш ҳаме з-осмон баргузашт,

Ки ҷовид бодо сари тоҷдор,
Ҳуҷаста бар ӯ гардиши рӯзгор.

Зи гетӣ набинод ҷуз коми хеш,
Набишта бар айвонҳо номи хеш.

Ҳамон дудаву лашкару кишвараш,
Ҳамон хусравӣ қомату манзараш.

---

1. И – б. 31, 32 нест.
2. И – шуд аз тоҷ номи.
3. И – Наҷӯяд
4. И – коми
5. И – ному ин
6. И – ҳама сол

www.sattor.com

АШКОНИЁН

ОҒОЗИ ДОСТОН

Кунун, эй сароянда фартутмард,
Сӯи гоҳи Ашкониён бозгард.

Чӣ гуфтан дар ин номаи бостон,
Ки гӯянда ёд орад аз достон.

Пас аз рӯзгори Сикандар ҷаҳон,
Чӣ гӯяд, киро буду тахти меҳон?

Чунин гуфт донанда деҳқони Чоч,
К-«Аз он пас касеро набуд тахти оч.

Бузургон, ки аз тухми Ораш буданд,
Далеру сабуксору саркаш буданд.

Ба гетӣ ба ҳар гӯшае бар[1] яке,
Гирифта зи ҳар кишваре андаке.[2]

Чу бар тахташон шод-биншонданд,
Мулуки тавоиф ҳаме хонданд.

Аз ин гуна бугзашт соле дувист,
Ту гуфтӣ, ки андар ҷаҳон[3] шоҳ нест.

Накарданд ёд ин аз он, он аз ин,
Баросуд якчанд рӯйи замин.

Сикандар сиголид аз он гуна рой,
Ки то Рум обод монад ба ҷой.

Нахуст Ашк буд аз нажоди Қубод.
Дигар гурд Шопури фаррухнажод.[4]

Дигар буд Гударз аз[5] Ашкониён,
Чу Бежан, ки буд аз нажоди каён.

1. Л – ҳар
2. И – б. 46, 47 нест.
3. ИЛ – замин
4. Л – хусравнажод; И – деҳқоннажод
5. Л – Зи як даст Гударз; И –Ба як даст Гударзи

www.sattor.com

Чу Нарсиву чун Урмузди бузург,
Чу Ораш, ки буд номдори сутург.

Чу з-ӯ бугзарӣ, номдор Ардавон,
Хирадманду борою равшанравон.

Дигар буд Гударз аз[1] Ашкониён,
Бубахшид ганҷе ба арзониён.

Варо хонданд Ардавони бузург,
Ки аз меш бугсаст чанголи гург.

Варо буд Шероз то Исфаҳон,
Ки донанда хондиш марзи меҳон.

Ба Истахр буд Бобак аз дасти ӯй,
Ки Таннин хурӯшон буд аз шасти ӯй.

Чу кӯтоҳ шуд шоху ҳам бехашон,
Нагӯяд ҷаҳондида таърихашон.

Аз эшон ба ҷуз ном нашнидаам,
На дар номаи хусравон дидаам.[2]

ХОБ ДИДАНИ БОБАК ДАР КОРИ СОСОН

Чу Доро ба разм-андарун кушта шуд,
Ҳама дударо рӯз баргашта шуд.

Писар буд мар ӯро яке шодком,
Хирадманду ҷангиву Сосон ба ном,

Падарро бад-он гуна чун кушта дид,
Сари бахти эрониён гашта дид,

Аз он лашкари Рум бугрехт ӯй,
Ба доми бало барнаёвехт ӯй.

1. Л – Шерозу Порс
2. ТПИМ – Сикандар чу навмед гашт аз ҷаҳон,
Пай афканд рое миёни меҳон,
К-аз он пас нагирад кас аз Рум ёд,
Бимонад яке кишвар ободу шод.
Чу доно бувад бар замин шаҳрёр,
Чунин оварад дониши пок бор.

www.sattor.com

Ба Ҳиндустон-дар ба зорӣ бимурд,
Зи Сосон яке кӯдаке монд хурд.

Бар ин ҳамнишон то чаҳорум писар,
Ҳаме ном Сосон-ш кардӣ падар

Шубонон будандӣ в-агар сорбон,
Ҳамасола бо дарду ранҷи гарон.[1]

Чу назди шубонони Бобак расид,
Ба дашт омаду саршубонро бидид,

Бад-ӯ гуфт: «Муздурат ояд ба кор,
Ки эдар гузорад ба бад рӯзгор?

Бипазруфт бадбахтро саршубон.
Ҳаме дошт бо ранҷ рӯзу шабон.

Чу шуд коргармард,[2] омад писанд,
Шубон саршубон гашт бар гӯсфанд.

Шабе хуфта буд Бобаки зудёб,
Чунон дид равшан равонаш ба хоб,

Ки Сосон ба пили жиён барнишаст,
Яке теғи ҳиндӣ гирифта ба даст.

Ҳар он кас, ки омад бар ӯ-бар фароз,
Бар ӯ офарин карду бурдаш намоз.

Заминро ба хубӣ биёростӣ,
Дили тира аз ғам биперостӣ.

Ба дигар шаб-андар чу Бобак бихуфт,
Ҳаме буд бо мағзаш андеша ҷуфт.

Чунин дид дар хоб, к-оташпараст
Се оташ бибурдӣ фурӯзон ба даст.

Чу Озаргушаспу чу Харроду Меҳр,
Фурӯзон ба кирдори гардонсипеҳр.

1. ТПИ – Бурун шуд писар, ҷуст коре ба ранҷ,
Магар ёбад аз ранҷ подош ганҷ.

2. Л – коргармарду

www.sattor.com

Ҳама пеши Сосон фурӯзон будӣ,
Ба ҳар оташе уд сӯзон будӣ.

Сари Бобак аз хоб бедор шуд,
Равону дилаш пур зи бозор[1] шуд.

Ҳар он кас, ки дар хоб доно буданд,
Ба ҳар донише-бар тавоно буданд,

Ба айвони Бобак шуданд анҷуман,
Бузургону[2] фарзонаву ройзан.

Чу Бобак сухан баркушод аз нуҳуфт.
Ҳама хоб яксар бад-эшон бигуфт.

Ниҳода бад-ӯ гӯш посухсарой,
Пурандеша шуд з-он сухан раҳнамой.

Саранҷом гуфт: «Эй сарафроз шоҳ,
Ба таъвили ин[3] кард бояд нигоҳ.

Касеро, ки дидӣ ту з-инсон[4] ба хоб,
Ба шоҳӣ барорад сар аз офтоб.

В-ар[5] эдун, ки ин хоб аз ӯ бугзарад,
Писар бошадаш, к-аз ҷаҳон бар х(в)арад».

Чу Бобак шунид ин сухан, гашт шод,
Бар андозашон як ба як ҳадя дод.

Бифармуд, то саршубон аз рама
Бари Бобак омад ба рӯзи дама.

Биёмад шубон пеши ӯ бо гилем,
Пур аз барф пашмину[6] дил пур зи бим.[7]

Бипардохт Бобак зи бегона ҷой,
Бадар шуд парастандаву раҳнамой.

1. Л – озор; И – ҳамчу бозор
2. И – Бузургони
3. И – борики он
4. Л – аз ин сон
5. Л – Гар
6. И – Бар аз барф пашмина
7. Л – барфу пашмина дил бар ду ним.

www.sattor.com

Зи Сосон бипурсиду бинвохташ,
Бари хеш наздик биншохташ.

Бипурсидаш аз гавҳару аз нажод,
Шубон з-ӯ битарсиду посух надод

В-аз он пас бад-ӯ гуфт, к-«Эй шаҳрёр,
Шубонро ба ҷон гар диҳӣ зинҳор,

Бигӯям зи гавҳар ҳама, ҳар чӣ ҳаст,
Чу дастам бигирӣ ба паймон ба даст,

Ки бо ман насозӣ бадӣ дар ҷаҳон,
На дар ошкоро,[1] на андар ниҳон».

Чу бишнид Бобак, забон баркушод,
Зи Яздони некидиҳиш кард ёд,

Ки «Бар ту насозам ба чизе газанд,
Бидорам-т шодондилу арҷманд».

Ба Бобак чунин гуфт аз он пас шубон,[2]
Ки «Ман пури Сосонам, эй паҳлавон,

Набери ҷаҳондор шоҳ Ардашер,
Ки Баҳман-ш хонад ҳаме ёдгир.

Сарафроз пури ял Исфандёр,
Зи Гуштосп андар ҷаҳон ёдгор».

Чу бишнид Бобак, фурӯ рехт об,
Аз он чашми равшан, ки ӯ дид хоб.

Бад-ӯ гуфт Бобак: «Ба гармоба шав,
Ҳаме бош, то хилъат оранд нав.

Биёвард пас ҷомаи хусравӣ,
Яке асп бо олати паҳлавӣ.

Яке кохи пурмоя ӯро бисохт,
Аз он саршубонӣ сараш барфарохт.

1. Л – бар ошкору
2. И – пас саршубон; Л – з-он пас ҷавон

www.sattor.com

Чу ӯро бад-он кох-дар ҷой кард,
Ғуломи парастанда бо[1] пой кард.

Ба ҳар олате сарфарозиш дод,
Ҳам аз хоста бениёзиш дод.

Бад-ӯ дод пас духтари хешро,
Писандидаву афсари хешро.

ЗОДАНИ АРДАШЕРИ БОБАКОН

Чу нӯҳ моҳ бугзашт, аз он моҳчеҳр,[2]
Яке кӯдак омад чу тобанда меҳр.

Ҳамонандаи[3] шаҳрёр[4] Ардашер,
Физояндаву фарруху дилпазир.

Ҳамон Ардашераш падар ном кард,[5]
Ба дидори ӯ ромишу ком кард.[6]

Ҳаме парваридаш ба бар барниёз,
Баромад бар ин рӯзгори дароз.

Мар ӯро кунун мардуми тезвир
Ҳаме хонадаш Бобакон Ардашер.

Биёмӯхтандаш ҳунар ҳар чӣ буд,
Ҳунар низ бар гавҳараш барфузуд.

Чунин[7] шуд ба фарҳангу болову[8] чеҳр,
Ки гуфтӣ, ҳаме барфурӯзад сипеҳр.

Пас огоҳӣ омад сӯи Ардавон
Зи фарҳангу аз дониши он ҷавон,

1. Ил – бар
2. ИЛ – хубчеҳр
3. И – Ба монандаи
4. Л – номдор
5. Л – кард ном,
6. Л – Ки бошад ба дидори ӯ шодком.
7. ИЛ – Чунон
8. Л – дидору

www.sattor.com

Ки шери жиён аст ҳангоми разм,
Ба Ноҳид монад ҳаме рӯзи базм,[1]

Ки «Эй марди бодонишу покрой,
Сухангӯву донандаву[2] раҳнамой,[3]

Шунидам, ки фарзанди ту Ардашер,
Саворест гӯяндаву[4] ёдгир.

Чу нома бихонӣ ҳам андар замон,
Фиристаш ба наздики ман[5] шодмон.

Зи боистаҳо бениёзаш кунам,
Миёни ялон сарфарозаш кунам.

Чу бошад ба наздики фарзанди мо,
Нагӯем, к-ӯ нест[6] пайванди мо».

Чу он номаи шоҳ Бобак бихонд,
Басе хун зи мижгон ба рух барфишонд.

Бифармуд то пеши ӯ шуд дабир,
Ҳамон наврасида ҷавон[7] Ардашер.

Бад-ӯ гуфт, к-«Ин номаи Ардавон,
Бихону нигаҳ кун ба равшанравон.

Ман, инак, яке нома наздики шоҳ
Нависам, фиристам яке некхоҳ.

Бигӯям, ки, инак, дилу дидаро,
Диловар ҷавони писандидаро

Фиристодаму низ додам-ш панд,
Чу ояд бад-он боргоҳи баланд,

---

1. ЛМ – аз б. 119 ин б. омада:
   Яке нома бинвишт пас Ардавон,
   Сӯи Бобаки номвар паҳлавон.
2. И – бодонишу
3. Л – боному покизарой.
4. И – Ҷавонест бо донишу
5. Л – мо
6. И – Бигӯям, ки ӯ ҳаст; Л – Бигӯем, к-ӯ ҳаст
7. И – ба даҳр

www.sattor.com

Ту он кун, ки аз расми шоҳон сазад,
Набояд, ки боде бар ӯ барвазад.

Дари ганҷ букшод Бобак чу бод,
Ҷавонро зи ҳар гунае ҳадя дод.

Зи фарзанд чизе набудаш[1] дареғ,
Зи зарринситому зи кӯполу теғ.

Зи динору дебову аспу раҳӣ,
Зи чиниву зарбафти шоҳаншаҳӣ

Биёвард, бинҳод пеши ҷавон,
Ҷавон шуд парастандаи Ардавон.[2]

Басе ҳадяҳо низ бо Ардашер
Фиристоду[3] динору мушку абир.

Зи пеши ниё кӯдаки некпай
Ба даргоҳи шоҳ Ардавон шуд ба Рай.

ОМАДАНИ АРДАШЕРИ БОБАКОН БА ДАРГОҲИ АРДАВОН

Чу омад ба наздикии боргоҳ,
Бигуфтанд бо шоҳ аз он борхоҳ.

Ҷавонро ба меҳр Ардавон пеш хонд,
Зи Бобак фаровон суханҳо биронд.

Ба наздикии тахт биншохташ,
Ба барзан яке ҷойгаҳ сохташ.

Фиристод ҳар гунае хӯрданӣ,
Зи пӯшиданӣ, ҳам зи густурданӣ,

Худу номдорон биёмад ҷавон,
Ба ҷое, ки фармуда буд Ардавон.

Чу курсӣ ниҳод аз бари чарх шед,
Ҷаҳон гашт чун рӯйи румӣ сапед.

1. Л – чизаш наёмад
2. Л – Ҳамон олати ҳарбу тоҷи гавон.
3. ИЛ – Зи дебову

www.sattor.com

Парастандае пеш хонд Ардашер,
Ҳамон ҳадяҳое, ки буд ногузир.

Фиристод наздики шоҳ Ардавон,
Фиристода шуд бо яке паҳлавон.[1]

Бидид Ардавону писанд омадаш,
Ҷавонмардро судманд омадаш.

Писарвор меҳтар ҳаме дошташ,
Замоне ба тимор нагзошташ.

Ба май хӯрдану хону нахчиргоҳ
Нарафтӣ ба ҷуз бо ҷавонмард шоҳ.

Ҳаме дошташ ҳамчу пайванди хеш,
Ҷудоӣ надодаш зи фарзанди хеш.

Чунон буд, ки рӯзе ба[2] нахчиргоҳ
Пароканда шуд лашкару пури шоҳ.

Писар буд мар Ардавонро чаҳор,
Аз он ҳар яке чун яке шаҳрёр.

Ҳаме ронд бо Ардавон Ардашер,
Ҷавонмард буд шоҳро дилпазир.[3]

Ба ҳомун падид омад аз дур гӯр,
Аз он лашкари гашн бархост шӯр.

Ҳама бодпоён барангехтанд,
Ҳаме гард бо хай баромехтанд.

Ҳаме тохт пеш-андарун Ардашер,
Чу наздик шуд, бар камон ронд[4] тир.

Бизад бар сурини яке гӯри нар,
Гузар кард бар гӯр пайкону пар.

1. Л – Фиристодаи Бобаки Ардавон.
2. Л – зи
3. Л – б. 152 нест.
4. Л – Чу шуд танг, бар гӯр букшод

www.sattor.com

Биёмад ҳам андар замон Ардавон
Ба дидори афканда гӯри жиён.[1]

Ба тире чунин гӯр, к-афканд,[2] гуфт,
Ки «Бо дасти он кас равон бод ҷуфт».

Чунон дод посух бад-ӯ Ардашер,
Ки «Ин гӯрро ман фикандам ба тир».

Писар гуфт, к-«Инро ман афкандаам,
Ҳамон ҷуфтро низ ҷӯяндаам».

Чунин дод посух бад-ӯ Ардашер,
Ки дафте фароз[3] асту ҳам гӯру тир.

Яке дигар афкан бар ин ҳамнишон,
Дурӯғ аз гуноҳ аст бо саркашон.

Пур аз хашм шуд з-Ардашер[4] Ардавон,
Яке бонг барзад ба марди ҷавон.

Бад-ӯ тунд гуфт: «Ин гуноҳи ман аст,
Ки парвардан оину роҳи ман аст!

Туро худ ба базму ба нахчиргоҳ
Чаро бурд бояд ҳаме бо сипоҳ?

Бад-он то зи фарзанди ман бугзарӣ,
Баландӣ гузиниву кундоварӣ.

Бирав тозиаспони моро бубин,
Ҳамон ҷойгаҳ-бар[5] сарое гузин.

Бар он охури асп солор бош,
Ба ҳар кор бо ҳар касе ёр бош!»

Биёмад пур аз оби чашм Ардашер,
Бар он охури тозиаспон амир,

1. Л – Бидид он кушоду бари он ҷавон;
И - Бад-он баркушода забон бар ҷавон.
2. И – яке гӯр афганда
3. ИЛ – фарох
4. Л – з-он сухан
5. И – Ҳамон ҷо, ки рафтӣ

www.sattor.com

Ки моро чӣ пеш омад аз Ардавон,
Ки дарди танаш боду ранҷи равон.

Яке нома бинвишт назди ниё,
Пур аз ғам дилу сар пур аз кимиё.

Ҳама ёд кард, он куҷо рафта буд,
Ки шоҳ Ардавон аз чӣ ошуфта буд?

Чу он нома наздики Бобак расид,
Накард ин[1] сухан ҳеҷ бар кас падид.

Дилаш гашт аз он кор пурдарду ранҷ,
Биёвард динор чанде зи[2] ганҷ.

Фиристод наздики ӯ даҳ ҳазор,
Ҳаюне барафканду[3] марде савор.

Бифармуд,то пеши ӯ шуд дабир,
Яке нома фармуд зӣ Ардашер,

Ки «эй камхирад, наврасида ҷавон,
Чу рафтӣ ба нахчир бо Ардавон,

Чаро тохтӣ пеши фарзанди ӯй?
Ту аз чокаронӣ,[4] на пайванди ӯй!

Накард ӯ ба ту ҳеҷ гуна бадӣ,
Ки худ кардаӣ ту зи нобихрадӣ!

Кунун кому хушнудии ӯ биҷӯй.
Магардон зи фармони ӯ ҳеҷ рӯй!

Зи динор лахте фиристодамат,
Ба нома-дарун пандҳо додамат.

Ҳар он гаҳ, ки ин моя бурдӣ ба кор,
Дигар хоҳ, то бугзарад рӯзгор».

1. ИЛ – он
2. Л – чанде зи динору; И – чандеву
3. ИЛ – барафганд
4. Л – Парастандаӣ ту

www.sattor.com

Таковар ҳаюн бо чаҳондида пир
Биёмад давон то бари Ардашер.

Чу он нома бархонд, дилтанг[1] шуд,
Дилаш сӯи найрангу авранг[2] шуд.

Ба наздики аспон сарое гузид,
На андархури хеш ҷое гузид.

Бигустурд ҳар гуна густурданӣ
Зи пӯшиданиҳову аз хӯрданӣ,

Шабу рӯз хӯрдан будӣ кори ӯй,
Маю руду ромишгарон ёри ӯй.

ДИДАНИ ГУЛНОР АРДАШЕРРО ВА МУРДАНИ БОБАК

Яке кох буд Ардавонро баланд,
Ба кох-андарун бардае арҷманд,

Ки Гулнор буд номи он моҳрӯй,
Нигоре пур аз гавҳару рангу бӯй.

Бари Ардавон ҳамчу дастур буд,
Бар он хоста низ ганҷур буд.

Бар ӯ-бар гиромитар аз ҷон будӣ,
Ба дидори ӯ шоҳ[3] хандон будӣ.

Чунон буд, ки як рӯз дидаш зи бом,
Дилаш гашт аз он хуррамӣ шодком.

Нигаҳ кард хандон лаби Ардашер,
Ҷавон бар дили моҳ шуд ҷойгир.

Ҳаме буд, то рӯз торик шуд,
Ҳамоно ба шаб рӯз наздик шуд.

1. Л – хурсанд
2. Л – авранд
3. ИЛ – шоду

www.sattor.com

Каманде бад-он кунгура дарбубаст,
Гиреҳ зад бар ӯ чанду бибсуд даст.

Ба густохӣ аз бора омад фуруд,
Ҳаме дод некидиҳишро дуруд.

Чу омад хиромон бари Ардашер,
Пур аз гавҳару бӯйи мушку абир.

Зи болини дебо сараш баргирифт,
Чу бедор шуд, танг дар бар гирифт.

Нигаҳ кард барно бад-он хубрӯй,
Бад-он мӯву он рӯву он рангу бӯй.

Бад-он моҳ гуфт: «Аз куҷо хостӣ,
Ки пурғам диламро биёростӣ?».

Чунин дод посух, ки «Ман бандаам,
Дилу ҷон зи меҳри ту огандаам.[1]

Биёям, чу хоҳӣ ба наздики ту.
Дурахшон кунам рӯзи торики ту.[2]

Чу лахте баромад бар ин рӯзгор,
Шикаст андаромад ба омӯзгор.

Ҷаҳондида[3] бедор Бобак бимурд,
Сарои куҳан дигареро супурд,

Чу огоҳӣ омад сӯи Ардавон,
Пур аз ғам шуду тира гашташ равон.[4]

Гирифтанд ҳар меҳтаре ёд Порс,
Сипаҳбад ба меҳтарписар дод Порс.

1. ТПЗЛ – Дилорому ганҷури шоҳ Ардавон,
Ки аз ман бувад шоду равшанравон.
Кунун гар пазирӣ маро*, бандаам,
Ба гетӣ ба дидори ту зиндаам.

* Л – туро

2. ТПМ – Аз он шодмон шуд дили Ардашер
Ба дидори он дилбари дилпазир.

3. ИЛ – Ҷаҳондори

4. И – ҷонаш аз он

www.sattor.com

Бифармуд, то кӯс берун барад,
Зи даргоҳ лашкар ба ҳомун барад.

Ҷаҳон тира шуд бар дили Ардашер,
Аз он шоҳи равшандили дастгир.[1]

Дил аз лашкари Ардавон баргирифт,
В-аз он огаҳӣ ройи дигар гирифт,

Ки аз дарди ӯ буд дилаш пурситез,
Зи ҳар сӯ ҳаме ҷуст рози[2*3] гурез.

В-аз он пас чунон буд, ки шоҳ Ардавон
Аз ахтаршиносони равшанравон

Биёвард чанде ба даргоҳи хеш,
Ҳаме бозҷуст ахтару роҳи хеш.

Ҳамон низ аз[4] гардиши рӯзгор,
Аз он пас киро бошад омӯзгор.

Фиристодашон назди Гулноршоҳ,
Бад-он, то кунад ахтаронро нигоҳ.[5]

Се рӯз андар он кор шуд рӯзгор,
Нигаҳ карда шуд ахтари шаҳрёр.

Чу Гулнор[6] бишнид овозашон,
Сухан гуфтан аз ахтару[7] розашон.

Ба се рӯз то шаб гузашта се пос,
Канизак напардохт[8] аз ахтаршинос.

Пур аз орзу дил, забон пур зи бод,
Ҳаме дошт гуфтори эшон ба ёд.

---

1. И – равшандилу ёдгир.
2. ИЛ – роҳи.
3. М - ройи
4. И – Ҳама низ бо; Л – бо
5. И – б. 214 нест.
6. Л – ганҷур
7. И – гуфтану толеи; Л – толеъву.
8. Л – бипардохт

www.sattor.com

Чаҳорум бишуд марди равшанравон,
Ки букшояд он роз бар Ардавон.

Бирафтанд бо зиҷҳо дар канор
Зи кохи канизак бари шаҳрёр.

Бигуфтанд рози сипеҳри баланд,
Ҳамон кори ӯ бар чиву чуну чанд.

К-«Аз ин пас кунун то на бас рӯзгор
Зи чизе бупечад дили шаҳрёр,

Ки бугрезад аз меҳтаре кеҳтаре,
Сипаҳбаднажодеву[1] кундоваре

В-аз он пас шавад шахрёре баланд,
Ҷаҳондору некахтару судманд».[2]

Дили номвар меҳтари некбахт,
Зи гуфтори эшон ғамӣ гашт сахт.

ГУРЕХТАНИ АРДАШЕР БО ГУЛНОР

Чу шуд рӯйи кишвар ба кирдори қир,
Канизак биёмад бари Ардашер.

Чу дарё барошуфт марди ҷавон,
Ки як рӯз накшебад аз Ардавон.

Канизак бигуфт, он чи равшанравон
Ҳаме гуфт бо номвар Ардавон.

Сухан чун зи Гулнор аз он сон шунид,
Шикебоиву хомушӣ баргузид.

Дили марди барно шуд аз гуфта тез,
В-аз он пас фузун ҷуст роҳи гурез.

Бад-ӯ гуфт: «Гар ман ба Эрон шавам,
Зи Рай сӯи шаҳри далерон шавам,

1. Л – Сипаҳбаднажоде зи
2. Л – Ҷаҳонро бигирад ба хамми каманд.

www.sattor.com

Ту бо ман сиголӣ, ки ойӣ ба роҳ,
Гар эдар бибошӣ ба наздики шоҳ?

Агар бо ман ойӣ, тавонгар шавӣ,
Ҳамон бар сари кишвар афсар шавӣ».

Чунон дод посух, ки «Ман бандаам,
Набошам ҷудо аз ту, то зиндаам».

Ҳаме гуфт бо лаб[1] пур аз боди сард,
Фурӯ рехт аз дидагон оби зард.

Чунин гуфт бо моҳрӯй Ардашер,
Ки «Фардо бибояд шудан ногузир».

Канизак биёмад ба айвони хеш,
Ба каф барниҳода сару ҷони хеш.

Чу шуд рӯйи гетӣ зи хуршед зард,
Ба ҳам андаромад шаби лоҷвард,

Канизак дари ганҷҳо боз кард,
Зи ҳар гавҳаре ҷустан оғоз кард.

Зи ёқуту аз гавҳари шоҳвор,
Зи динор чандон, ки будаш ба кор.

Биёмад ба ҷое, ки будаш нишаст,
Бад-он хона бинҳод гавҳар ба даст.[2]

Ҳаме буд то шаб, баромад зи кӯҳ,
Бихуфт Ардавон, ҷой шуд бегурӯҳ.

Зи айвон биёмад ба кирдори тир,
Биёвард гавҳар бари Ардашер.

Ҷаҳонҷӯйиро дид ҷоме ба даст,
Нигаҳбони аспон ҳама хуфта маст.[3]

---

1. И – он
2. ТПИМ – Ҳаме буд аз он кор боранҷу дард,
Зи ҳар гуна андешаҳо ёд кард.
Ки то чун гурезад зи шоҳ Ардавон,
Чӣ гуна шавад кори ӯ бо ҷаҳон.
3. ТПМ – Куҷо масташон карда буд Ардашер,
Ки ӯ хост рафтан ба шаб ногузир.

www.sattor.com

Ду аспи гаронмоя карда гузин,[1]
Бар охур ниҳода ҳамон[2] зери[3] зин.

Ҷаҳонҷӯй чун рӯйи Гулнор дид,
Ҳамон гавҳари сурху динор дид,[4]

Ҳам андар замон пеш бинҳод ҷом,
Бизад бар сари тозиаспон лагом.[5]

Бипӯшид ҳафтону худ барнишаст
Яке теғи заҳробдода ба даст.

Ҳамон моҳрух бар дигар борагӣ
Нишасту бирафтанд якборагӣ.

Аз айвон сӯи Порс бинҳод рӯй,
Ҳаме рафт шодондилу роҳҷӯй,

ОГОҲӢ ЁФТАНИ АРДАВОН АЗ КОРИ ГУЛНОР ВА АРДАШЕР

Чунон буд, ки бе моҳрух[6] Ардавон
Набудӣ шабу рӯз равшанравон.

Зи дебо набардоштӣ дӯшу ёл,
Магар чеҳри Гулнор дидӣ ба фол.

Чу омад-ш ҳангоми бархостан,
Ба дебо сари гоҳаш оростан,

Канизак наёмад ба болини ӯй,
Барошуфту печон шуд аз кини ӯй.

Ба дар-бар сипоҳ истода ба пой,
Биёроста тоҷу тахту сарой.

---

1. Л – карданд зин; И – ба зин
2. Л – чарон ҳамчунон
3. И – пеш аз
4. ТПИМ – Ҳаме гуфт, к-«Акнун бибояд шудан,
   Набояд ба андӯҳ фузун з-ин будан,
   Магар ёбам аз чанги ин аждаҳо
   Бад-ин рӯзгори ҷавонӣ раҳо».
5. И – б. 247 нест.
6. Л – моҳрӯй

www.sattor.com

Зи даргоҳ бархост солори бор,
Биёмад бари номвар шаҳриёр.

Бад-ӯ гуфт: «Гарданкашон бардаранд,
Ҳар он кас куҷо меҳтари кишваранд».

Парастандагонро чунин гуфт шоҳ,
Ки «Гулнорро аз чӣ бастаст роҳ?

Чаро ӯ наёяд ба болини ман?
Магар бошад андар дилаш кини ман?»[1]

Биёмад ҳамон гоҳ меҳтар дабир,
Ки «Рафтаст бегоҳ дер Ардашер.

Або худ[2] бибурдаст хинги сиёҳ,
Ки буд бораи номбардор шоҳ.

Ҳам он гоҳ шуд шоҳро дилпазир,
Ки ганҷури ӯ рафт бо Ардашер.

Дили марди ҷангӣ баромад зи ҷой,
Ба болои бӯр[3] андаровард пой.[4]

Саворони ҷангӣ фаровон[5] бибурд,
Ту гуфтӣ ҳама роҳ оташ супурд.[6]

Ба раҳ-бар[7] яке номвар дид ҷой,
Басе андар ӯ мардуму чорпой.

Бипурсид аз эшон, ки «Шабгир ҳур
Шунидед овози наъли сутур?

Ду тан баргузаштанд пӯён ба роҳ?
Яке бораи хингу дигар сиёҳ?»

Яке гуфт аз эшон, ки «Эдар гузашт,
Ду тан бо ду асп андаромад ба дашт.

1. Л – б. 258, 259 нест.
2. Л – В-аз охур
3. Л – асп
4. И – б. 263 нест.
5. Л – Фаровон саворони ҷангӣ
6. Л – ҳаме бора оташ сипурд; И – Ҳаме бора оташ ситурд.
7. И – Ба деҳ - бар

www.sattor.com

Ба думми саворон яке ғурми пок,
Чу аспе ҳаме барпароканда хок».

Ба дастур гуфт он замон Ардавон,
Ки «Ин ғурм боре[1] чаро шуд давон?»

Чунин дод посух, ки «он фарри ӯст,
Ба шоҳиву некахтарӣ парри ӯст.

Гар ин[2] ғурм дарёбад ӯро, матоз,
Ки ин кор гардад бари[3] мо дароз».

Фуруд омад ин ҷойгаҳ Ардавон,
Бихӯрду баросуду омад давон.

Ҳаме тохтанд аз паси Ардашер,
Ба пеш-андарун Ардавону вазир,

Ҷавон бо канизак чу боди дамон
Напардохт аз тохтан як замон.

Киро ёр бошад сипеҳри баланд,
Бар ӯ-бар зи душман наёяд газанд.

Аз ин тохтан ранҷа шуд Ардашер,
Бидид аз баландӣ яке обгир.

Ҷавонмард пӯён ба Гулнор гуфт,
Ки «Акнун, ки бо ранҷ гаштем ҷуфт,

Бибояд бари чашма омад фуруд,
Ки шуд бораву мард бетору пуд.

Бибошем бар обу чизе х(в)арем,
В-аз он пас ба осудагӣ бугзарем.

Чу ҳар ду расиданд наздики об,
Ба зардӣ ду рухсора чун офтоб,

Ҳаме хост омад фуруд Ардашер,
Ду марди ҷавон дид бар обгир.

1. И – бо вай
2. Л –он
3. Л – ба мо бар

www.sattor.com

Ҷавонон ба овоз гуфтанд, зуд
Инону рикобат бибояд бисуд,

Ки растӣ зи кому дами аждаҳо,
Кунун истодан наёрад баҳо.

Набояд, ки ойӣ ба хӯрдан фуруд,
Тани хешро дод бояд дуруд.

Чу аз пандгӯй ин шунид Ардашер,
Ба Гулнор гуфт: «Ин сухан ёд гир.»

Рикобаш гарон шуд, сабук шуд инон,
Ба гардун[1] баровард рахшон синон.

Пас-андар чу боди давон[2] Ардавон,
Ҳаме тохт бо ранҷ[3] тираравон.

Бад- он гаҳ, ки бугзашт[4] ниме зи рӯз,
Фалакро бипаймуд гетифурӯз.

Яке шорсон дид[5] борангу бӯй,
Басе мардум омад ба наздики ӯй.

Чунин гуфт бо мӯбадон номдор,
Ки «Кай баргузашт он набардасавор?»[6]

Чунин дод посух бад-ӯ раҳнамой,
Ки «Эй шоҳи некахтари покрой,

Бад-он гаҳ ки хуршед баргашт зард,
Бигустурд чодар шаби ложвард,

Бар ин шаҳр бугзашт пӯён ду тан,
Пур аз гарду беоб гашта даҳан.

1. ИЛ – гардан
2. ИЛ – дамон
3. Л – ҳамвора
4. Ил – бигзашт
5. И – буд
6. Л – ин диловарсавор; И – чун баргузашт ин набардасавор.

www.sattor.com

Яке ғурм тозон зи думми савор,
Ки чун ӯ надидам бар айвон нигор». [1]

Чунин гуфт бо Ардавон кадхудой,
Ки «Эдар магар бозгардӣ ба ҷой.

Сипаҳ созиву сози ҷанг оварӣ,
Ки акнун дигаргуна шуд доварӣ,

Ки бахташ паси пушти ӯ дарнишаст,
Аз ин тохтан бод монад ба даст».

Яке нома бинвис назди писар,
Ба нома бигӯ ин сухан сарбасар.

Нишоне биёбад магар[2] Ардашер,
Набояд, ки гардад ҳамон ғурм шер.[3]

Чу бишнид аз ӯ Ардавон ин сухан,[4]
Бидонист, к-овози ӯ шуд куҳан.[5]

Бад-он шорсон андаромад фуруд,
Ҳаме дод некидиҳишро дуруд.

НОМА НАВИШТАНИ АРДАВОН БА БАҲМАН ПИСАРИ ХУД ДАР БОРАИ ГИРИФТАНИ АРДАШЕР

Чу шаб рӯз шуд, бомдоди пагоҳ
Бифармуд, то бозгардад сипоҳ.

Биёмад ду рухсора ҳамранги най,
Чу шаб тира гашт, андаромад ба Рай.

Яке нома бинвишт назди писар,
Ки каҷҷӣ ба тоҷ андаровард сар.

---

1. ТПМ – Чу симурғ болу чу товус дум,
Чу рахши диловар сару гӯшу сум,
Ба ранг арғувону ба так тундбод,
Надорад бар он сон касе ғурм ёд.
2. Л – магар ёбад аз
3. Л – Набояд, ки ӯ дӯшад аз ғурм шир.
4. Л – ин сухан Ардавон.
5. Л – к-ӯро сар омад замон.

www.sattor.com

«Чунон шуд зи болини мо Ардашер,
К-аз он сон нарафт аз камон ҳеҷ тир.

Сӯи Порс омад, бичӯяш ниҳон,
Магӯй ин сухан бо кас андар ҷаҳон».

ГИРД КАРДАНИ ЛАШКАР АРДАШЕР

Аз ин сӯ ба дарё расид Ардашер,
Ба Яздон чунин гуфт, к-«Эй дастгир,

Ту кардӣ маро эмин аз бадкунаш,
Ки ҳаргиз мабинод некӣ танаш!

Баросуду маллоҳро пеш хонд,
Зи кори гузашта фаровон биронд.

Нигаҳ кард фарзона маллоҳи пир
Ба болову чеҳру[1] бари Ардашер.

Бидонист, к-ӯ нест ҷуз кайнажод,
Зи фарру зи авранди ӯ гашт шод.

Биёмад ба дарё ҳам андар шитоб,
Зи ҳар сӯ барафканд заврақ бар об.

Аз огоҳии номдор Ардашер,
Сипоҳ анҷуман шуд дар он обгир.

Ҳар он кас, ки буд бобакӣ дар Ситахр,
Ба огоҳии шоҳ карданд фахр.

Дигар ҳар кӣ аз тухми Доро буданд,
Ба ҳар кишваре бомудоро буданд,

Чу огоҳ гаштанд аз Ардашер,
Зи шодӣ ҷавон шуд дили марди пир.

Ҳаме рафт мардум зи дарёву кӯҳ,
Ба наздики барно гурӯҳогурӯҳ.

1. И – чеҳра

www.sattor.com

Зи ҳар шаҳр фарзонаву ройзан,
Ба назди ҷаҳонҷӯй гашт анҷуман.

Забон баркушод Ардашери ҷавон,
Ки «Эй номдорони равшанравон,

Касе нест з-ин номдор анҷуман
Зи фарзонаву мардуми ройзан,

Ки нашнид, к-Искандар андар ҷаҳон
Чӣ кард аз фурӯмоягони меҳон.[1]

Ниёкони моро якояк бикушт,
Ба бедодӣ овард гетӣ ба мушт.

Чу ман бошам аз тухми Исфандёр,
Ба марз-андарун Ардавон шаҳрёр?!

Сазад, гар мар инро нахонем дод,
В-аз ин достон кас нагирем ёд.

Чу бошед бо ман бад-ин ёрманд,
Намонам ба кас ному тахти баланд.

Чӣ гӯеду инро чӣ посух диҳед?
Маро андар ин ройи фаррух ниҳед.

Ҳар он кас, ки буд андар он анҷуман
Зи шамшерзан марду аз ройзан,

Чу овоз бишнид, бар пой хост,
Ҳама рози дил бозгуфтанд рост,

Ки ҳар кас, ки ҳастем бобакнажод,
Ба дидори чеҳри ту гаштем шод.

Ва дигар, ки ҳастем сосониён,
Бубандем кинро камар бар миён.

Тану ҷони мо сарбасар пеши туст,
Ғаму шодмонӣ ба кам-беши туст.

1. И – б. 322 нест.

www.sattor.com

Ба ду гавҳар аз ҳар касе бартарӣ,
Сазад бар ту шоҳиву кундоварӣ.

Ба фармони ту кӯҳ ҳомун кунем,
Ба теғ оби дарё ҳама хун кунем.

Чу посух бад-он сон шунид Ардашер,
Сараш бартар омад зи Ноҳиду тир.

Бар он меҳтарон офарин густарид,
Ба дил-бар ба андеша кин густарид.

Ба наздики дарё яке шорсон
Пай афканду шуд шорсон корсон.

Яке мӯбаде гуфт бо Ардашер,
Ки «Эй шоҳи некахтари дилпазир,

Сари шаҳрёрӣ ҳаме нав кунӣ,
Тани[1] порс бояд, ки бехав кунӣ.

В-аз он пас кунӣ разм бо Ардавон,
Ки ахтар ҷавон асту хусрав ҷавон,

Ки ӯ аз мулуки тавоиф ба ганҷ
Фузун асту з-ӯ бинӣ андӯҳу ранҷ.

Чу бардоштӣ гоҳи ӯро зи ҷой,
Надорад касе з-он сипас бо ту пой».

Чу бишнид гарданфароз Ардашер
Суханҳои боистаи[2] дилпазир,

Чу барзад сар аз теғи кӯҳ офтоб,
Ба сӯи Ситахр омад аз пеши об.

Хабар шуд бари Баҳмани Ардавон,
Дилаш гашт пурдарду тира равон.

Накард эч бар тахти шоҳӣ диранг,
Сипоҳе[3] биёвард бо сози ҷанг,

1. Л - Бари
2. И – боиставу
3. Сипаҳро

www.sattor.com

ҶАНГ КАРДАНИ АРДАШЕР БО БАҲМАН ВА ФИРӮЗӢ ЁФТАН

Яке номвар буд, номаш Табок,
Або олату лашкару ройи пок,

Ки бар шаҳри Ҷаҳрам буд ӯ подшо,
Ҷаҳондида, бododу фармонраво.

Мар ӯро хуҷаста писар буд ҳафт,
Чу огаҳ шуд, аз пеши Баҳман бирафт.

Биёмад сӯи номвар Ардашер
Або лашкару кӯсу бо дору гир.

Чу чашмаш ба рӯйи[1] сипаҳбад расид,
Зи асп андаромад, чунон чун сазид.

Биёмад дамон, пойи ӯ бӯса[2] дод,
Зи Сосони пешин яке кард ёд.

Фаровон ҷаҳонҷӯй бинвохташ,
Ба зуд омадан арҷ[3] бишнохташ.

Валекин пурандеша шуд[4] аз Табок,
Дилаш гашт аз он пир пуртарсу бок.

Ба роҳ-андар аз пир ожир буд,
Ки бо ӯ сипоҳе ҷаҳонгир буд.

Ҷаҳондида бедордил буд пир,
Бидонист андешаи Ардашер.

Биёмад, биёвард[5] Устову Занд,
Чунин гуфт, к-«Аз Кирдгори баланд

Буридаст бемоя ҷони Табок,
Агар нест аз бад дилаш бо ту пок.

1. Л – сӯи
2. Л – бӯс
3. Л – зуд
4. Л – номҷӯй
5. Л – Биёварду бинҳод

www.sattor.com

Чу огоҳӣ омад зи шоҳ Ардашер,
Ки овард лашкар бад-он обгир,

Чунон сер гаштам зи шоҳ[1] Ардавон,
Ки аз пирзан гашт марди ҷавон.

Маро некдил,[2] меҳрбон банда дон,
Шикебодилу роздоранда[3] дон».

Чу бишнид аз ӯ Ардашер ин сухун,
Яке дигар андеша афканд бун.

Мар ӯро ба ҷойи падар доштӣ,
Бар он номдорон-ш сар доштӣ.

Дили шоҳ аз андеша озод шуд,
Сӯи озари Ромхаррод[4] шуд.

Ситоиш[5] ҳаме кард пеши Худой,
Ки бошад бари[6] некувӣ раҳнамой,

Ба ҳар кор пирӯзгар дорадаш,
Дарахти бузургӣ ба бар дорадаш,

В-аз он ҷойгаҳ шуд ба пардасарой,
Араз пеши ӯ рафт бо кадхудой.[7]

Сипаҳро дирам доду обод кард,
Зи додори некидиҳиш ёд кард.

Чу[8] шуд лашкаре чун диловар паланг,[9]
Сӯи Баҳмани Ардавон шуд ба ҷанг.

1. Л – ман аз
2. ИЛ – некпай
3. ИЛ – роздонанда
4. Л – озар ороми Харрод
5. ИЛ – Ниёиш
6. ИЛ – ки бошад-ш бар.
7. ТПЗ – Савору пиёда ҳаме баршумурд,
Нигаҳ кард, то кист солору гурд.
Чу Ориз баровард панҷаҳ ҳазор,
Далерону мардони ханҷаргузор.
Якояк бидонисту пурсид ном,
Аз он лашкари гашн шуд шодком.
8. И – Ки
9. ИЛ – лашкараш чун диловар наҳанг,

www.sattor.com

Чу гаштанд наздик бо якдигар,[1]
Бирафтанд гурдони пархошхар.

Сипоҳ аз ду рӯя кашиданд саф,
Ҳама найзаву теғи ҳиндӣ ба каф.

Чу шерони ҷангӣ баровехтанд,
Чу ҷӯйи равон хун ҳаме[2] рехтанд.

Бар ин гуна, то гашт хуршед зард,
Ҳаво пур зи гарду замин пур зи мард.

Чу шуд чодари чарх пирӯзаранг,
Сипоҳи Табок андаромад ба ҷанг.

Баромад яке оду абре[3] чу қир.
Биёмад зи гарди сипоҳ Ардашер.

Гурезон бишуд Баҳмани Ардавон,
Танаш[4] хаста аз тиру тира равон.

Пас-андар ҳаме тохт шоҳ Ардашер
Або нолаи бӯқу борони тир.

Бар ин ҳамнишон то ба шаҳри Ситахр,
Ки Баҳман бад-ӯ доштӣ тоҷу[1] фахр.

Зи гетӣ чу бархост овози шоҳ,
Зи ҳар сӯ бипайваст бемар сипоҳ.

Мар ӯро фаровон намуданд ганҷ,
Куҷо Бобак оганда буд он ба ранҷ.

Дирамҳои огандаро барфишонд,
Банерӯ шуд, аз Порс[5] лашкар биронд.

---

1. Л – як бо дигар,
2. Л – Зи танҳо ҳаме ҷӯйи хун
3. Л – гарде
4. Л – Тани
5. Л – овозу

www.sattor.com

ҶАНГИ АРДАШЕР БО АРДАВОН ВА КУШТА ШУДАНИ АРДАВОН

Чу огоҳӣ омад сӯи Ардавон,
Дилаш гашт пурбиму тира равон

Чунин гуфт, к-«Ин рози[1] чархи баланд
Ҳаме гуфт бо ман худованди панд.

Ҳар он бад[2] к-аз андеша берун шавад,
Зи бахшиш ба кӯшиш гузар чун шавад.

Гумоне набурдам, ки аз Ардашер
Яке номҷӯй ояду шаҳргир.

Дари ганҷ букшоду рӯзӣ бидод,
Сипаҳ баргирифту буна барниҳод.

Зи Гилу зи Дайлам биёмад сипоҳ,
Ҳаме гарди лашкар баромад ба моҳ.

В-аз он рӯй лашкар биёвард шоҳ,
Сипоҳе, ки бар бод барбаст роҳ.

Миёни ду лашкар ду партоб монд,
Ба хок-андарун мор бехоб монд.

Зи бас нолаи кӯс бо карраной,
Ҷарангидани зангу ҳиндидарой.

Хурӯшон сипоҳу дурафшон дирафш,
Сарафшон шуда теғҳои бунафш.

Чиҳил рӯз аз ин сон ҳаме ҷанг буд,
Бар он зердастон ҷаҳон танг буд.[3]

Зи бас кушта шуд рӯйи ҳомун чу кӯҳ,
Шуда хаста аз зиндагонӣ сутӯҳ.

---

1. ИЛ – Баҳман
2. И – Ҳар он кас
3. ТПИЛ – Зи ҳар гунае танг шуд х(в)арданӣ,
Ҳамон танг шуд роҳи оварданӣ.

www.sattor.com

Саранҷом абре баромад сиёҳ,
Бишуд кӯшиши размро дастгоҳ.

Яке бод бархост бас ҳавлнок,
Дили ҷангиён шуд аз он пур зи бок.

Битуфид[1] кӯҳу бидаррид дашт,
Хурӯшаш ҳаме аз ҳаво баргузашт.

Битарсид аз он лашкари Ардавон,
Шуданд андар ин як сухан[2] як забон,[3]

Ки ин кор бар Ардавон эзадист,
Бар ин лашкар акнун бибояд гирист.

Ба рӯзе куҷо сахт шуд корзор,
Ҳама бихрадон хостанд зинҳор.

Биёмад зи қалби сипоҳ Ардашер,
Чакочок[4] бархосту борони тир.

Гирифтор шуд дар миён Ардавон,
Бидод аз пайи тоҷ ширинравон.

Ба дасти яке мард, Харрод ном
Чу бигрифт, бурдаш гирифта лагом,

Бибурдаш ба пеши ҷаҳонҷӯ асир,
Зи дур Ардавонро бидид Ардашер,

Фуруд омад аз асп шоҳ Ардавон,
Танаш хаста аз тиру тира равон,

Ба дажхим фармуд шоҳ Ардашер,
Ки «Рав,[5] душмани подшоро бигир.

Ба ханҷар миёнаш ба ду ним кун,
Дили бадсиголон пур аз бим кун!

1. И – Битаркид
2. И – якдилу
3. ҳамзабон.
4. Л – Куҷо хок
5. Л – шав

www.sattor.com

Биёмад дижогоҳу фармон гузид,
Шуд он номдор аз ҷаҳон нопадид.

Чунин аст кирдори ин чархи пир,
Чи бо Ардавону чи бо Ардашер.

Киро[1] то ситора барорад баланд,
Супорад мар ӯро ба хоки нажанд.

Ду фарзанди ӯ ҳам гирифтор шуд,
В-аз ӯ тухмаи орашӣ хор шуд.

Мар он ҳар дуро пой карданд банд,
Ба зиндон фиристод шоҳи баланд.

Ду бадмеҳр аз разм бугрехтанд,
Ба доми бало-бар наёвехтанд.

Бирафтанд гирён ба Ҳиндустон,
Сазад, гар кунӣ з-ин яке достон.

Ҳама размгаҳ пурситому камар,
Пур аз олати[2] лашкару симу зар.

Бифармуд, то гирд карданд шоҳ,
Бубахшид аз он пас ҳама бар сипоҳ.

Бирафт аз миёни бузургон Табок,
Тани Ардавонро зи хун кард пок.

Хурӯшон бишусташ зи хоки набард,
Бар оини шоҳон яке дахма кард.

Ба дебо бипӯшид хаста бараш,
Зи кофур кард афсаре бар сараш.

Напаймуд кас хоки кохаш[3] ба пай,
Зи лашкар ҳар он кас, ки шуд сӯи Рай.

В-аз он пас биёмад сӯи Ардашер,
Чунин гуфт, к-«Эй шоҳи донишпазир,

1. ИЛ – Агар
2. Л – олату
3. Л – гоҳаш

www.sattor.com

Ту фармон бару духтари ӯ бихоҳ,
Ки бо фарру зеб асту бо тоҷу гоҳ.

Ба даст оядат афсару тоҷу ганҷ,
Куҷо Ардавон гирд кард он ба ранҷ».

Аз ӯ панд бишниду гуфто: «Равост»,[1]
Ҳам андар замон духтари ӯ бихост.

Ба[2] айвони ӯ буд то як[3]-ду моҳ,
Тавонгар сипаҳбад, тавонгар сипоҳ.

Сӯи Порс омад зи Рай номҷӯй,
Баросуд аз ранҷу аз гуфтугӯй.

Яке шорсон кард пуркоху боғ,
Бад ӯ-андарун чашмаву дашту роғ,

Ки акнун гаронмоя деҳқони пир
Ҳаме хонадаш Хурраи Ардашер.

Яке чашмае бекарон андар ӯй,
Фаровон аз он чашма букшод[4] ҷӯй.

Баровард бар[5] чашма оташкада,
Бар ӯ тоза шуд Меҳру ҷашни Сада,

Ба гирд-андараш боғу майдону[6] кох
Баровардa шуд ҷойгоҳе фарох.

Чу шуд шоҳ бодонишу[7] фарру зӯр,
Ҳаме хонадаш марзбон шаҳри Гӯр[8].

Ба гирд-андараш рустоҳо бисохт,
Чу обод кардаш, касе дарнишохт.[9]

1. Л – гуфтор рост,
2. Л – Дар
3. ИЛ – танги
4. Л – рӯй букшоду
5. ИЛ – з-он
6. ИЛ – айвону
7. И – шаҳри боотошу
8. И – Тур.
9. ИЛ – андар нишохт

www.sattor.com

Ба ҷое яке жарф дарё бидид,
Ҳаме кӯҳ боист пешаш бурид.

Бибурданд метину мардони кор,
В-аз он кӯҳ бубрид сад ҷӯйбор.

Ҳаме ронд з-он кӯҳ то шаҳри Гӯр,
Шуд он шорсон пурсарою сутур.

ҶАНГИ АРДАШЕР БО КУРДОН

Сипоҳе зи Истахр бемар бибурд,
Бишуд сохта-то кунад разми курд.[1]

Чу шоҳ Ардашер андаромад ба танг,
Пазира шудаш курди бемар ба ҷанг,

Яке кор буд хору душвор[2] гашт,
Або курд кишвар ҳама ёр[3] гашт.

Яке лашкаре карда[4] буд порсӣ,
Фузунтар зи курдон як-ду басе.[5]

Яке[6] рӯз то шаб баровехтанд,
Сипоҳи ҷаҳондор[7] бугрехтанд.

Зи бас куштаву хаста бар дашти ҷанг,
Шуд овардгаҳро ҳаме ҷой танг.

Ҷуз аз шоҳ бо хормоя сипоҳ
Набуд номдоре бад-он размгоҳ.

Зи хуршеди тобону аз гарду хок
Забонҳо шуд аз ташнагӣ чок-чок.

1. ТПИМ – Ба некӣ зи Яздон ҳаме ҷуст музд,
Ки резад бар он буму бар хуни дузд.
2. Л – душвор
3. – тор
4. Л – курд
5. Л – курдони ӯ як ба сӣ.
6. Л – Ба як
7. Л – Зи дасти сипаҳдор

www.sattor.com

Ҳамон гаҳ дирафше даровард шаб,
Ки биншонад он ҷангу ҷӯшу ҷалаб.[1]

Яке оташе дид бар сӯи кӯҳ,
Биёмад ҷаҳондор бо ин гурӯҳ,

Сӯи оташ овард рӯ[2] Ардашер,
Ҳамон андаке мард[3] барнову пир.

Чу танг андаромад, шубонон бидид,
Абар мешу буз посбонон бидид.

Фуруд омад аз асп шоҳу сипоҳ,
Даҳоншон пур аз гарди[4] овардгоҳ.

Аз эшон сабук Ардашер об хост,
Якояк бибурданд бо об мост.

Биёсуду лахте чарид, он чи дид,
Шаби тира хафтон ба сар баркашид.

Зи хафтони шоиста буд бистараш,
Ба болин ниҳод он кайӣ миғфараш.

Сапеда чу барзад зи дарёи об,
Сари шоҳи Эрон баромад зи хоб.

Биёмад ба болини ӯ саршубон,
Ки падром бодо-т рӯзу шабон.

Чӣ бад[5] буд, к-ин дашт роҳи ту буд,
На оромро хобгоҳи ту буд.

Бипурсид аз саршубон роҳ шоҳ,
К-«Аз эдар куҷо ёбам оромгоҳ?»

Чунин дод посух, ки «Ободҷой
Наёбӣ, магар бошадат раҳнамой.

1. Л – б. 444 нест.
2. Л – рӯй
3. Л – Або он ки буданд
4. Л – хоки
5. И – Бад-он

www.sattor.com

Аз эдар кунун чор фарсанг роҳ
Чу рафтӣ, падид ояд оромгоҳ.

В-аз он рӯз пайваста шуд деҳ ба деҳ,
Ба ҳар деҳ яке номбардор меҳ».

Чу бишнид аз он саршубон Ардашер,
Бибурд аз рама роҳбар чанд пир.

Сипаҳбад зи кӯҳ андаромад ба деҳ,
Аз он деҳ сабук пеши ӯ рафт меҳ.[1]

Саворон фиристод барнову пир
Аз ин ҷой то Хурраи Ардашер,

Сипаҳро чу огоҳӣ омад зи шоҳ,
Ҳама шоддил баргирифтанд роҳ.

Ба курдон фиристод корогаҳон,
Ки то кори эшон биҷӯяд ниҳон.

Бирафтанд ёрону[2] боз омаданд,
Бари шоҳи Эрон фароз омаданд,

Ки эшон ҳама номҷӯянду шод,
Надорад касе дар[3] дил аз шоҳ ёд.

Бар онанд, к-андар Ситахр Ардашер
Куҳан гашту шуд бахти барно-ш пир».

Чу бишнид шоҳ ин сухан, шод гашт,
Гузашта сухан бар дилаш бод гашт.

Гузин кард аз он[4] лашкари номдор
Саворони шамшерзан даҳ[5] ҳазор.

Камондор бо тиру таркаш ҳазор
Биёвард бо хештан шаҳрёр.

1. Л – б. 459, 460 нест.
2. ИЛ – пӯёну
3. Л – бар
4. Л – з-он
5. Л – сӣ

www.sattor.com

ШАБЕХУН КАРДАНИ АРДАШЕР БАР САРИ КУРДОН ВА ШИКАСТ ДОДАН ЭШОНРО

Чу хуршед шуд зард, лашкар биронд,
Касеро, ки нобуданӣ[1] буд, бимонд.

Чу шаб ним[2] бугзашту торик шуд,
Ҷаҳондор бо курд наздик шуд.

Ҳама дашт аз эшон пур аз хуфта дид,
Якояк дили лашкар ошуфта дид.

Чу омад сипаҳбад ба болини курд,
Инон бораи тезтакро супурд.

Бароҳехт шамшеру андарниҳод,
Гиёро зи хун бар сар афсар ниҳод,

Ҳама дашт аз эшон сару даст буд,[3]
Тани куштагон шаст бар шаст буд.[4]

Беандоза з-эшон гирифтор шуд,
Сутургиву нобихрадӣ хор шуд.

Ҳама бумҳошон ба тороҷ дод,
Сипаҳро ҳама бадраву тоҷ дод.

Чунон буд, ки динор бар сар ба ташт
Агар пирмарде бибурдӣ ба дашт,

Накардӣ ба динори ӯ кас нигоҳ
Зи некахтари рӯзу[5] аз доди шоҳ.

Зи мардӣ накард ӯ бад-ин ҷанг фахр,
Гурозон биёмад ба шаҳри Ситахр.

Бифармуд, к-аспон банерӯ кунед,
Силеҳи саворон[6] беоҳу кунед.

---

1. ИЛ – нобурданӣ
2. ИЛ – нима
3. Л-гашт,
4. Л-Зи анбӯҳи кушта замин шаст гашт.
5. И-шоҳу
6. Л-Силоҳу саворӣ

www.sattor.com

Чу осуда гардед яксар ба базм,
Кунед он гаҳ андешаи рӯзи разм.

Далерон ба хӯрдан ниҳоданд сар,
Чу осуда шуд гирдгоҳ аз камар,

Пурандешаи разм гашт Ардашер,
Чу ин достон бишнавӣ, ёд гир.

ДОСТОНИ КИРМИ ҲАФТВОД

Бубин ин шигифтӣ, ки деҳқон чӣ гуфт,
Бад-он гаҳ ки букшод роз аз нуҳуфт.

Зи шаҳри Куҷорон ба дарёи Порс,
Чӣ гӯяд зи болову паҳнои Порс.

Яке шаҳр буд, нек[1] мардум басе,
Зи кӯшиш будӣ хӯрданӣ ҳар касе.

Бад-он шаҳр духтар фаровон будӣ,
Ки беком ҷӯяндаи нон будӣ.

Ба як рӯй наздиктар буд кӯҳ,
Шудандӣ ҳама духтарон ҳамгурӯҳ.

Аз он ҳар яке пунба бурдӣ ба санг,
Яке дукдоне зи чӯби ханданг.

Ба дарвоза духтар шудӣ ҳамгурӯҳ,
Хиромон аз ин шаҳр то пеши кӯҳ.

Баромехтандӣ хӯришҳо ба ҳам,
Набудӣ ба худ[2] андар ӯ бешу кам.

Нарафтӣ сухан гуфтан аз хобу х(в)ард,
Аз он пунбашон буд нангу набард.

Шабонгаҳ будандӣ сӯи хона[3] боз,
Шуда[4] пунбашон ресмони тароз.

1. Л – танг.
2. И – Набурдӣ ба хурд
3. Л – Шудандӣ сӯи хонаи хеш
4. И – Шудӣ

www.sattor.com

Бад-ин шаҳри бечиз хуррамниҳод
Яке мард буд, номи ӯ Ҳафтвод.

Бар ин гуна-бар ному овоза[1] рафт,
Азеро ки ӯро писар буд ҳафт.

Гиромӣ яке духтараш буду бас,
Ки нашмурдӣ ӯ духтаронро ба кас.

Чунон буд, ки рӯзе ҳама ҳамгурӯҳ
Нишастанд бо дук дар пеши кӯҳ,[2]

Ба гоҳи хӯриш дук бугзоштанд,
Баромехтанд, он кучо доштанд.

Чунон буд, к-он духтари некбахт
Яке себ афканда бод аз дарахт,

Ба раҳ-бар бидиду сабук баргирифт,
Кунун бишнав ин, то бимонӣ[3] шигифт.

Чу он хубрух мева андаргазид,
Яке дар миён кирм оганда дид.

Ба ангушт аз он себ бардошташ,
Дар он дукдон нарм бугзошташ.

Чу бардошт он дуку он пунба гуфт:
«Ба номи Худованди беёру чуфт,

Ман имрӯз бар ахтари кирми себ
Ба риштан намоям шуморо ниҳеб».

Ҳама духтарон шоду хандон шуданд,
Кушодаруху симдандон шуданд.

Дучандон, ки риштӣ ба рӯзе, биришт,
Шумораш[4] ҳаме бар замин барнавишт.

1. Л – номи ӯ аз чӣ
2. Л – меҳтаронро
3. Л – достони
4. Л – Шуморӣ

www.sattor.com

В-аз он ҷо биёмад ба кирдори дуд,
Ба модар намуд, он куҷо ришта буд.

Бар ӯ офарин кард модар ба меҳр,
Ки бархӯрдӣ аз ахтар, эй хубчеҳр.[1]

Ба шабгир чун ресмон баршумурд,
Дучандон, ки ҳар бор бурдӣ,[2] бибурд.

Чу омад бад-он чораҷӯй анҷуман,
Ба риштан ниҳода дилу ҳушу тан.

Чунин гуфт бо номвар духтарон,
Ки «Эй моҳрӯёну некахтарон,

Ман аз ахтари кирм чандон тароз
Биресам, ки низам набошад ниёз.

Биришт он куҷо бурда буд, пеш аз он,
Ба кор омадӣ, гар будӣ беш аз он,

Сӯи хона бурд он тарозе, ки ришт,
Дили момии ӯ шуд чу хуррамбиҳишт.

Ҳаме лахтаке себ ҳар бомдод
Парирӯй духтар бад-ин[3] кирм дод.

Аз он пунба ҳарчанд кардӣ фузун,
Биришти ҳама духтари пурфусун,

Ки чандин биреши[4] магар бо парӣ,
Гирифтастӣ, эй моҳрӯ,[5] хоҳарӣ?

Сабук симтан[6] пеши модар бигуфт
Аз он себу он кирмак андар нуҳуфт.

Ҳамон кирми фаррух бад-эшон намуд,
Зану шӯйро равшаноӣ фузуд.

1. И – б. 509 нест.
2. И – будӣ
3. ИЛ – бад-он
4. И – бириштӣ; Л – биресӣ
5. Л – поктан,
6. Л – симрух

www.sattor.com

Ба фоле гирифт ин сухан Ҳафтвод
Зи коре накардӣ ба дил низ ёд.

Магар з-ахтари кирм гуфтӣ сухан,
Бар ӯ нав шудӣ рӯзгори куҳан.

Чунин то баромад бар ин рӯзгор,
Фурӯзандатар гашт ҳар рӯз кор.

Мар он кирмро хор нагзоштанд,
Ба хӯрдан-ш некӯ ҳаме доштанд.

Тановар шуд он кирму нерӯ гирифт,
Сару пушти ӯ ранги некӯ гирифт.

Ҳаме танг шуд дукдон бар танаш,
Чу мушки сияҳ гашт пероҳанаш.

Ба машк-андарун пайкари заъфарон,
Бару пушти ӯ аз карон то карон.

Яке поксандуқ кардаш сиёҳ,
Бад-ӯ андарун сохта ҷойгоҳ.

Фароз омадаш арҷу озарму чиз,
Тавонгар шуд он ҳафт фарзанд низ.

Чунон шуд[1], ки дар шаҳр бе Ҳафтвод
Нагуфтӣ сухан кас ба бедоду дод.[2]

Яке мир[3] буд андар он шаҳри ӯй,
Сарафрозу болашкару обрӯй.[4]

Баҳона ҳаме сохт бар Ҳафтвод,
Ки динор бистонад аз баднажод.

Басе номдор анҷуман шуд бар ӯй,
Бар он ҳафт фарзанди пайкорҷӯй.

1. Л – буд
2. Л – ба панду ба дод
3. И – мард
4. И –рангу бӯй.

www.sattor.com

Зи шаҳри Кучорон баромад нафир,
Бирафтанд бо найзаву теғу тир.

Ҳаме рафт пеш-андарун Ҳафтвод,
Ба чанг омаду доди мардӣ бидод.

Ҳаме шаҳр бигрифту ӯро бикушт,
Басе гавҳару ганҷаш омад ба мушт.

Ба наздики ӯ мардум анбӯҳ шуд,
Зи шаҳри Кучорон сӯи кӯҳ шуд.

Яке диж бикард аз бари теғи кӯҳ,
Шуд он шаҳр бо ӯ ҳама ҳамгурӯҳ.[1]

Ниҳодаш бар он диж дари оҳанин,
Ҳам оромгаҳ буду ҳам ҷойи кин.

Яке чашмае буд бар[2] кӯҳсор,
Зи теғ[3] андаромад миёни ҳисор.

Яке борае гирд кард андараш,
Ки бино ба дида надидӣ сараш.

Чу он кирмро гашт сандуқ танг,
Яке ҳавз карданд бар кӯҳу санг.

Чу соручу санг аз ҳаво гашт гарм,
Ниҳоданд кирм андар ӯ нарм-нарм.

Чунон шуд, ки доранда ҳар бомдод
Бирафтӣ давон аз бари[4] Ҳафтвод.

Лавиде гурунҷаш алаф сохтӣ,
Бибурдиву[5] кирм он бипардохтӣ.

1. И –б. 538, 539 нест.
2. Л- чашма буд сар - сари
3. ИЛ – бахт
4. Л – дари
5. – Пароканда

www.sattor.com

Баромад бар ин кор-бар панҷ сол,
Чу пиле шуд он кирм бо шоху[1] ёл.[2]

Ҳамон духти ӯ буд нигаҳдори кирм,
Падар гашта ҷангӣ, сипаҳдори кирм.

Биёростандаш ба чиниҳарир,[3]
Гурунҷаш буди хӯрдану шаҳду шир.

Дили марди нодон аз он кирм шод,[4]
Сипаҳбад будӣ бар дараш Ҳафтвод.[5]

Зи дарёи Чин то ба Кирмон расид,
Ҳама рӯи кишвар сипаҳ густарид.

Писар ҳафт[6] бо теғзан даҳ ҳазор,
Ҳамон[7] ганҷу ҳам[8] олати корзор.

Ҳар он[9] подшо, к-ӯ кашидӣ ба ҷанг,
Чу рафтӣ сипоҳаш бари кирм танг,

Шикаста шудаш[10] лашкаре, к-омадӣ,
Чу овози ин достон бишнадӣ.

Чунон шуд[11] дари номвар Ҳафтвод,
Ки гирдаш наёраст ҷунбид бод.[12]

Чу огаҳ шуд аз Ҳафтвод Ардашер,
Набуд он суханҳо варо[13] дилпазир.

---

1. шере жиён кард он кирм
2. ТПЗИ – Чу бугзашт якчанд бар Ҳафтвод.
   Мар он ҳиснро ном Кирмон ниҳод.
3. ИЛ – дабиру вазир.
4. Л- Сипаҳбад будӣ бар дари Ҳафтвод.
5. Л – Ҳамон пурсиш аз кори бедоду дод.
6. Л – ҳафту
7. И – Ҳама
8. Л –бо
9. И – Ҳамон
10. Л – шудӣ
11. И – к-аз
12. ТПЗИЛ - Пас аз б. 555 ин б. омада:
    Ҳисорӣ шуд он пур зи ганҷу сипоҳ,
    Набурдӣ* бар он бора-бар бод роҳ,
    * Л - Надидӣ
13. Л – суханҳои ӯ

www.sattor.com

Сапаҳбад фиристод наздики ӯй
Сипоҳе баландахтару номҷӯй.

РАЗМИ АРДАШЕР БО ҲАФТВОД ВА ШИКАСТ ЁФТАНИ АРДАШЕР

Чу огоҳ шуд з-он сухан Ҳафтвод,
Аз эшон ба дил барнаёвард[1] ёд.

Камингоҳ кард андар он кунҷи кӯҳ,
Биёмад сӯи разм худ бо гурӯҳ.

Чу лашкар саросар барошуфтанд,
Ба гурзу табарзин ҳаме кӯфтанд.

Сипоҳ андаромад зи[2] ҷои камин,
Сияҳ шуд бар он номдорон замин,

Ки кас[3] боз нашнохт аз пой даст,
Ту гуфтӣ, замин пойи аспон[4] бубаст.

Зи кушта чунон шуд дару дашту кӯҳ,
Ки пирӯзгар шуд зи куштан сутӯҳ.

Ҳар он кас, ки буд зинда, з-он размгоҳ
Сабук бозгаштанд наздики шоҳ.[5]

Чу огоҳ шуд номдор Ардашер
Аз он куштану ғорату дору гир,

Ғамӣ гашту лашкар ҳама бозхонд,
Ба зудӣ силоҳу дирам барфишонд.

Ба тундӣ биёмад сӯи Ҳафтвод,
Ба гардун баромад сари баднажод.

Биёвард ганҷу силеҳ[6] аз ҳисор,
Бар ӯ хор шуд лашкару корзор.

1. Л – дарнаёмад-ш
2. И – ба
3. Л – Кас?
4. Л – Зи хун пои эшон
5. И – б. 563, 564 нест.
6. Л – силоҳ.

www.sattor.com

Ҷудо буд аз ӯ дур меҳтар писар,
Чу огоҳ гашт ӯ зи разми падар,

Баромад зи орому аз хӯрду хоб,
Ба киштӣ биёмад бад-ин рӯйи об.

Ҷаҳонҷӯйиро ном Шоҳӯй буд,
Яке шӯху бадсозу бадхӯй[1] буд.

Ба киштӣ биёмад бари Ҳафтвод,
Дили Ҳафтвод аз писар гашт шод.

Биёрост бар маймана ҷойи хеш,
Сипаҳбад буду[2] лашкаророи хеш.

Ду лашкар шуду[3] ҳар ду ороста,
Пур аз кина сар, ганҷ пурхоста.

ТОРОҶ ДОДАНИ МЕҲРАКИ НӮШЗОД ХОНАИ АРДАШЕРРО

Ба Ҷаҳрам яке мард буд кайнажод,
Куҷо номи ӯ Меҳраки Нӯшзод.

Чу огаҳ шуд аз рафтани Ардашер,
В-аз он монданаш бар лаби обгир,

Ҳамон низ тангӣ дар он[4] размгоҳ
Зи баҳри хӯришҳо бар ӯ баста роҳ,

Зи Ҷаҳрам биёмад ба айвони шоҳ,
Зи ҳар сӯ биёвард бемар сипоҳ.

Ҳама ганҷи ӯро ба тороҷ дод,
Ба лашкар басе бадраву тоҷ дод.

Чу огоҳӣ омад ба шоҳ Ардашер,
Пурандеша шуд бар лаби обгир.[5]

1. Л – бадгӯй
2. И – Сипаҳдор буд
3. Л – шуда,
4. Л – Зи тангӣ, ки буд андар он
5. И – б. 590 – 593 нест.

www.sattor.com

Ҳаме гуфт носохта хонаро,
Чаро хостам ҷанги[1] бегонаро?

Бузургони лашкар-шро пеш хонд,
Зи Меҳрак фаровон суханҳо биронд.

«Чӣ бинед,-гуфт, - эй сарони сипоҳ,
Ки моро чунин танг шуд дастгоҳ?

Кашидам басе талхӣ аз[2] рӯзгор,
Набуд ранҷи Меҳрак маро дар шумор».

Ба овоз гуфтанд,[3] к-«Эй шаҳрёр,
Мабинод чашмат бади рӯзгор,

Чу Меҳрак бувад душмане дар[4] ниҳон,
Чаро ҷуст бояд ба сахтӣ ҷаҳон?

Ту дорӣ бузургиву кайҳон туруст.
Ҳама бандагонему фармон туруст.

Бифармуд, то хон биёростанд,
Маю ҷому[5] ромишгарон хостанд.

Ба хон барниҳоданд чанде бара,
Ба хӯрдан ниҳоданд сар яксара.

Чу нонро ба хӯрдан гирифт Ардашер,
Биёмад ҳамон гаҳ яке тез тир.

Нишаст андар он пок фарбеҳ бара,
Ки тир андарун ғарқ[6] шуд яксара.

Бузургону фарзонаи размсоз
Зи нон доштанд он замон даст боз.

Зи ғам ҳар касе аз ҷигар хун кашид,
Яке аз бара тир берун кашид.

1. Л – разми
2. ИЛ – талхии
3. Л – Ба посух бигуфтанд.
4. Л – душман андар
5. И – руду
6. Л – ғарқа

www.sattor.com

Бидиданд хатте[1] бад-он тез тир,
Бихонд, он ки буд аз бузургон дабир.

Набишта бад-он тир буд паҳлавӣ,
Ки «Эй шоҳи донанда, гар бишнавӣ.

Чунин тез тир омад аз боми диж,
Ки аз бахти кирм аст ороми диж.

Гар андохтам[2] ман сӯи Ардашер,
Бар ӯ-бар гузар ёфтӣ парри тир.

Набояд ки чун ӯ яке шаҳрёр
Кунад ҷанги кирм андар он[3] рӯзгор».[4]

Чу хонанда бар[5] шаҳрёр Ардашер
Набишта ҳаме хонд аз чӯби[6] тир,

Зи диж то бар эшон[7] ду фарсанг буд,
Дили меҳтарон з-он сухан танг буд.

Ҳаме ҳар касе хонданд офарин,
Зи дидор бар фарри шоҳи замин.

ОГОҲӢ ЁФТАНИ АРДАШЕР АЗ КОРИ КИРМ ВА ЧОРА НАМУДАН ВА КУШТАНИ Ӯ КИРМРО

Пурандеша буд он шаб аз кирм шоҳ,
Чу биншаст хуршед бар ҷойи моҳ,

Сипаҳ баргирифт аз лаби обгир,
Сӯи Порс омад дамон[8] Ардашер.

Паси лашкари ӯ биёмад сипоҳ,
Зи ҳар сӯ гирифтанд бар шоҳ роҳ.

1. ИЛ – нақше
2. М - андохтӣ
3. Л – паст кирм андар ин
4. И – б. 611 нест.
5. Л – Бар он мӯбадон
6. Л – тез
7. ИЛ – бари ӯ
8. И – давон

www.sattor.com

Бикуштанд, ҳар кас ки буд номдор,
Ҳаме тохт бо вижагон шаҳрёр.

Хурӯш омад аз пас, ки аз[1] бахти кирм,
Ки рахшанда[2] бодо сари тахти кирм!

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки инат шигифт,
К-аз ин ҳаргиз[3] андоза натвон гирифт.

Биёмад гурезону дил пурниҳеб,
Ҳаме тохт андар фарозу нишеб.

Яке шорсон дид ҷойи бузург,
Биронданд бо пӯя аспон чу гург.

Чу танг андаромад, яке хона дид,
Ба дар-бар ду барнои бегона дид.

Бибуданд бар дар[4] замоне ба пой,
Бипурсид аз ӯ[5] ин ду покизарой,

Ки «Бегаҳ чунин аз куҷо рафтаед,
Ки бо гарди роҳеду ошуфтаед?»

Бад-ӯ гуфт: «Аз ин сӯ[6] гузашт Ардашер,
В-аз ӯ бозмондем мо хира-хир,

Ки бугрехт аз кирму аз Ҳафтвод.
В-аз он беҳунар лашкари баднажод».[7]

Бупечид бар ҷой ҳар ду ҷавон,
Пур аз дард гаштанду тираравон.

Фуруд оваридандаш аз пушти зин,
Бар ӯ ҳар ду он[8] хонданд офарин.

1. Л – ин
2. Л – фархунда
3. Л – ҳар кас
4. И – андар
5. И – з-ӯ
6. И – Ин сӯ
7. ИЛ – бар
8. Л – он меҳтарон

www.sattor.com

Яке ҷойи хуррам биёростанд,
Писандида хоне биперостанд.

Нишастанд бо шоҳ гурдон ба хон,
Парастиш гирифтанд ҳар ду ҷавон.

Ба овоз гуфтанд, к-«Эй сарфароз,
Ғаму шодмонӣ намонад дароз.

Нигаҳ кун, ки Заҳҳоки бедодгар,
Чӣ овард з-он тахти шоҳӣ басар?

Ҳам Афросиёби[1] бадандешмард,
К-аз ӯ буд дили шаҳрёрон ба дард.

Сикандар, ки омад бад-ин рӯзгор,
Бикушт, он ки буд дар ҷаҳон шаҳрёр,

Бирафтанду з-эшон ба ҷуз номи зишт
Намонду наёбанд хуррамбиҳишт.

Намонад ҳамин низ бар Ҳафтвод,
Бупечад ба фарҷом аз ин[2] баднажод».

Зи гуфтори эшон дили шаҳрёр
Чунон тоза шуд чун гул андар баҳор.

Хуш омад-ш гуфтори он дилнавоз,
Бикард ошкорову[3] букшод[4] роз:

«Зи фарзанди Сосон манам Ардашер,
Ҳаме[5] панд бояд маро дилпазир.

Чӣ созем бо кирму бо Ҳафтвод,
Ки ному нажодаш ба гетӣ мабод?!»

Сипаҳдори Эрон чу бинмуд роз,
Ҷавонон-ш бурданд ҳар ду намоз.

---

1. ИЛ – Афросиёб он
2. Л – он
3. И – Дилаш буд пурдард,
4. Л –бинмуд
5. ИЛ – Яке

www.sattor.com

Бигуфтанд ҳар ду к-«анӯша бадӣ,
Ҳамеша зи ту дур дасти бадӣ!

Тану ҷони мо пеши ту банда бод,
Ҳамеша равони ту поянда бод!

Суханҳо, ки пурсидӣ аз мо нахуст,
Бигӯем, то чора созӣ дуруст.

Ту дар ҷанг бо кирму бо Ҳафтвод
Басанда найӣ, гар напечӣ зи дод.

Яке ҷой доранд бар теғи кӯҳ,
Бад-ӯ-андарун кирму ганҷу гурӯҳ.

Ба пеш-андарун шаҳру дарё ба пушт,
Диже бар сари кӯҳу роҳе дурушт.

Ҳамон кирм, к-аз мағзи Аҳриман аст,
Ҷаҳонофаринандаро душман аст.

Ҳаме кирм хонӣ ба чарм-андарун,
Яке деви ҷангист, резандахун».

Суханҳо чу бишнид аз ӯ Ардашер
Ҳама меҳрҷӯяндаву[1] дилпазир

Бад-эшон чунин гуфт: «Коре равост,
Баду неки эшон маро бо шумост».

Ҷавонон варо посух оростанд,
Дили ҳушмандаш биперостанд,

Ки мо бандагонем пешат ба пой,
Ҳамеша ба некӣ туро раҳнамой».

Зи гуфтори эшон ҳаме гашт[2] шод,
Ҳаме шуд шитобону[3] дил пур зи дод.

Чу бардошт аз он ҷо ҷаҳондор шоҳ,
Ҷавонон бирафтанд бо ӯ ба роҳ.

1. И – Аз он марди ҷӯяндаи
2. Л – дилаш гашт
3. Л – рафт пирӯзу

www.sattor.com

Ҳаме рафт равшандилу ёдгир,
Сарафроз то Хурраи Ардашер.

Чу бар шоҳ-бар шуд сипоҳ анҷуман,
Бузургони фарзонаи[1] ройзан.

Баросуд якчанд рӯзе ба дод,
Биёмад сӯи Меҳраки Нӯшзод.

Чу Меҳрак наёраст рафтан ба ҷанг,
Ҷаҳон кард бар хештан тору танг.

Ба Ҷаҳрам чу наздик шуд подшо,
Ниҳон гашт аз ӯ Меҳраки бевафо.

Дили подшо пур зи пайкор шуд,
Ҳаме буд, то ӯ гирифтор шуд.

Ба шамшери ҳиндӣ бизад гарданаш,
Бар оташ барандохт бесар[2] танаш.

Ҳар он кас, ки аз тухмаш омад ба мушт,
Ба ханҷар ҳам андар замонаш бикушт,

Магар духтаре, к-он ниҳон гашт[3] аз ӯй,
Ҳама шаҳр аз ӯ шуд пур аз ҷустуҷӯй.

КУШТАНИ АРДАШЕР КИРМИ ҲАФТВОДРО

В-аз он ҷойгаҳ шуд сӯи ҷанги кирм,
Сипоҳаш ҳама карда[4] оҳанги кирм.

Биёвард лашкар даҳу ду ҳазор,
Ҷаҳондидаву коркарда савор.

Пароканда лашкар чу шуд ҳамгурӯҳ,
Биёвардашон то миёни ду кӯҳ.

Яке мард буд, номи ӯ Шаҳргир,
Хирадманду солори шоҳ Ардашер.

1. И – фарзонаву
2. Л – Ба оташ дарандохт бебар; И – Ба оташ биандохт бебар
3. И – монд
4. Л – кард

www.sattor.com

Чунин гуфт пас шоҳ бо паҳлавон,
Ки «Эдар ҳаме бош равшанравон.

Шабу рӯз карда талоя ба пой,
Саворони бодонишу раҳнамой.

Ҳамон дидабон дору[1] ҳам посбон,
Нигаҳбони[2] лашкар ба рӯзу шабон.

Ман акнун бисозам яке кимиё,
Чу Исфандёр - он ки будам ниё.

Агар дидбон дуд бинад ба рӯз,
Шаб оташ чу хуршеди гетифурӯз,

Бидонед, к-омад ба сар кори кирм,
Гузашт ахтару рӯзи бозори кирм.

Гузин кард аз он меҳтарон ҳафт мард
Далерону шерони рӯзи набард.

Ҳар он кас, ки буди ҳамовози ӯй,
Нагуфтӣ ба боди ҳаво рози ӯй.

Басе[3] гавҳар аз ганҷ бугзид низ,
Чу дебову динору ҳар гуна чиз,

Ба чашми хирад чиз ночиз кард,
Ду сандуқ пурсурбу арзиз кард.

Яке деги рӯин[4] ба бор-андарун,
Ки устод буду[5] ба кор-андарун,

Чу з-он гуна найрангҳо[6] кард рост,
Зи солори охур харе даҳ бихост.

Чу харбандагон ҷомаҳои гилем
Бипӯшиду бораш ҳама зарру сим.

1. И – дор
2. Л – Нигаҳдори
3. И – Яке
4. И – сангӣ
5. И – Ки истода буду
6. И – Чу он буданӣ ҷомаҳо; Л – Чу аз бурданӣ ҷомаҳо

www.sattor.com

Ҳаме шуд халидадилу роҳҷӯй,
Зи лашкар сӯи диж ниҳоданд рӯй,

Ҳамон рустоӣ ду марди ҷавон,
Ки буданд рӯзе варо мизбон,[1]

Аз он анҷуман бурд бо хештан,
Ки ҳам дӯст буданду ҳам ройзан.

Чу аз роҳ наздики он диж шуданд,
Бибурданд бар кӯҳу[2] дам барзаданд.

Парастандаи кирм буд шаст мард,
Напардохтӣ як тан аз коркард.

Нигаҳ кард як тан, ба овоз гуфт,
Ки «Сандуқро чист андар нуҳуфт?»

Чунин дод посух бад-ӯ шаҳрёр,
Ки «Ҳар гунае чиз дорам ба бор.

Зи пирояву ҷомаву симу зар,
Зи дебову динору хаззу гуҳар,

Ки бозоргони хуросониам,
Ба ранҷ-андарун бе таносониам.[3]

Басе хоста дорам аз бахти кирм,
Кунун омадам шод то тахти кирм.

Агар бар парастиш физоям, сазост,
Ки аз бахти ӯ кори ман гашт рост».

Парастандаи кирм букшод роз,
Ҳамон гаҳ дари диж кушоданд боз.

Ҳару бораш овард андар ҳисор,
Биёрост дуккон ҳаме номдор.

1. И – меҳрубон,
2. И – Бибурданду бар кӯҳ,
3. Л – бар таносониам.

www.sattor.com

Сари бор букшод зуд Ардашер,
Бубахшид чизе, ки буд ногузир.[1]

Яке суфра пеши парастандагон
Бигустурд бар сони харбандагон,

Зи сандуқ букшод банду калид,
Бароварду пур кард ҷоми набид.

Ҳар он кас, ки зӣ кирм кардӣ хӯриш,
Зи ширу гурунҷ омадаш парвариш,

Бупечид гардан зи ҷоми набид,
Ки навбат будаш ҷои мастӣ надид.

Чу бишнид, бар пой ҷаст Ардашер,
Ки «Бо ман фаровон гурунҷ асту шир.

Ба дастурии сарпарастон[2] се рӯз
Мар ӯро ба хӯрдан манам дилфурӯз.

Магар ман шавам дар ҷаҳон шӯҳрае,
Маро бошад аз ахтараш баҳрае,[3]

Шумо май гусоред бо ман се рӯз,
Чаҳорум чу хуршеди гетифирӯз

Бароят, яке кулба созам фарох,
Сари тоқ бартар зи девори кох.

Фурӯшандаам, ҳам харидорҷӯй,
Физояд маро назди кирм обрӯй.

Баромад ҳама коми ӯ з-он сухун,
Бигуфтанд, к-«Ӯро парастиш ту кун».

Баровард харбанда ҳар гуна ранг,
Парастанда биншаст бо май ба чанг

Бихӯрданд чизеву мастон шуданд,
Парастандагон майпарастон шуданд.

1. Л – ки з-ӯ буд гузир; И – к-аз ӯ буд гузир.
2. Л – сарварон то
3. И –б. 703 нест.

www.sattor.com

Чу аз ҷоми май сусташон шуд забон.
Биёмад ҷаҳондор бо мизбон.

Биёвард арзизу руинлавид,[1]
Барафрӯхт оташ ба рӯзи сапед.

Чу он кирмро буд гоҳи хӯриш,
Аз арзизи ҷӯшон будаш парвариш.[2]

Забонаш бурун карда ҳамранги санҷ,
Бар он сон, ки аз пеш хӯрдӣ гуранҷ.[3]

Фурӯ рехт арзиз марди ҷавон
Ба ҳавз-андарун,[4] кирм шуд нотавон,

Тароке баромад зи ҳалқуми ӯй,
Ки ларзон шуд он кундаву буми[5] ӯй,

Бишуд бо ҷавонон чу бод Ардашер,
Бибурданд шамшеру кӯполу тир.

Парастандагон он, ки буданд маст,
Яке зинда аз дасти эшон наҷаст.[6]

Барангехт з-ин[7] боми диж тира дуд,
Далерӣ ба солори лашкар намуд.

Давон дидабон шуд сӯи[8] Шаҳргир,
Ки пирӯзгар гашт шоҳ Ардашер.

Биёмад сабук паҳлавони[9] сипоҳ
Биёвард лашкар ба наздики шоҳ.

---

1. И – равшан падид,
2. ТПЗ – Сӯи кунда овард арзиз гарм,
Сар аз кунда бардошт он кирм нарм.
3. Л – пас аз б. 713 ин б. омада:
Ду чашмаш чу бар Ардашер уфтод,
Даҳонро зи баҳри хӯриш баркушод.
4. Л – Маканда дарун,
5. И – кирми
6. Л – нараст.
7. Л – аз
8. Л – бари
9. Л – паҳлавон бо

www.sattor.com

КУШТАНИ АРДАШЕР ҲАФТВОДРО

Чу огоҳ шуд з-он сухан Ҳафтвод,
Дилаш гашт пурдарду лаб пур зи бод.

Биёмад, ки дижро кунад хостор,
Бар он бора баршуд дамон[1] шаҳрёр.

Бикӯшид чанде, наёмад-ш суд,
Ки бар бораи диж пайи[2] шер буд.

В-аз он рӯй лашкар биёмад чу кӯҳ,
Бимонданд бо доғу дард он гурӯҳ.

Чунин гуфт аз он бора шоҳ[3] Ардашер,
Ки «Бифроз ҷанг, эй яли Шаҳргир.

Агар гум шавад з-ин миён Ҳафтвод,
Намонад ба ҷанги ту ҷуз ранҷу бод,

Ки ман кирмро додам[4] арзизи гарм
Шуд он давлату рафтани тез[5] нарм».

Шунид он ҳама лашкар овози шоҳ,
Ба сар барниҳоданд з-оҳан кулоҳ,

Аз он дил гирифтанд эрониён,
Бубастанд аз баҳри кина[6] миён.[7]

Сӯи лашкари кирм баргашт бод,
Гирифтор шуд дарзамон[8] Ҳафтвод.

1. И – Бад-он бора бар шуд бари
2. Л – яке.
3. И – з-он подшоҳ
4. И – дода
5. И – давлати тезаш имрӯз
6. ИЛ – бо дард кинро
7. Л – пас аз б. 729 ин б. омада:
   Ҳамон гаҳ яке лашкаре Ҳафтвод
   Биёрасту омад ба кирдори бод.
   Ду лашкар баробар рада баркашид,
   Ту гуфтӣ, ки хуршед шуд нопадид,
   Баромад яке боду гарде сиёҳ,
   Ки пӯшида шуд рӯи хуршеду моҳ,
8. Л – миён; И – з-он миён

www.sattor.com

Ҳамон низ Шоҳуи айёри ӯй,
Ки меҳтарписар буду солори ӯй,

Фуруд омад аз диж давон Ардашер,
Пиёда бишуд пеши ӯ Шаҳргир.

Бибурданд болои зарринситом,[1]
Нишаст аз бараш хусрави некном.[2]

Бифармуд пас шаҳрёри баланд
Задан[3] пеши дарё ду дори баланд.

Ду бадхоҳро зинда бар дор кард,
Дили душман аз хоб бедор кард.

Биёмад зи[4] қалби сипаҳ Шаҳргир,[5]
Бикушт он ду танро ба борони тир.

Ба тороҷ дод он ҳама хоста,
Шуд аз хоста лашкар ороста.

Зи[6] диж ҳар чи буд, аз карон то карон.
Фуруд овариданд фармонбарон.

Зи пурмоятар ҳарчи[7] буд дилпазир,
Ҳаме тохт то Хурраи Ардашер.

Бикард андар он кишвар оташкада,
Бар ӯ тоза шуд Меҳргону Сада.

Супурд он замон кишвару тоҷу тахт
Бад-он мизбонони[8] бедорбахт.

В-аз он ҷойгаҳ рафт пирӯзу шод,
Бигустурд бар кишвари Порс дод.

1. ИЛ – зарринлагом,
2. Л – меҳтари шодком.
3. И – Аз он
4. Л – ба
5. Л – Ардашер,
6. Л – Ба
7. Л – чанде ки
8. Л – марзбонони

www.sattor.com

Чу осуда баргашт[1] марду сутур,
Биёвард лашкар сӯи шаҳри Зур.

Ба Кирмон фиристод чанде сипоҳ,
Яке марди шоистаи тоҷгоҳ.

В-аз он ҷойгаҳ шуд сӯи Тайсафун,
Сари бахти бадхоҳ карда нагун.

Чунин аст расми ҷаҳони ҷаҳон,
Ҳаме рози хеш аз ту дорад ниҳон.

Насозад, ту ночор бо ӯ бисоз,
Ки рӯзе нишеб асту рӯзе фароз.

1. Л – Чу осудатар гашт

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ СОСОНИЁН

ПОДШОҲИИ АРДАШЕРИ БОБАКОН

Чиҳил солу ду моҳ буд

БАР ТАХТ НИШАСТАНИ АРДАШЕР

Ба Бағдод биншаст бар тахти оҷ,
Ниҳода ба сар-бар зи пирӯза тоҷ,

Камар баставу гурзи шоҳон ба даст,
Биёроста ҷойгоҳи нишаст.

Шаҳаншоҳ хонанд аз он[1] пас варо,
Зи Гуштосп нашнохтӣ кас варо.

Чу тоҷи бузургӣ ба сар барниҳод,
Чунин кард бар тахти пирӯза ёд,

Ки андар ҷаҳон дод ганҷи[2] ман аст,
Ҷаҳон зинда аз бахту ранҷи ман аст.

Кас ин ганҷ аз ман наёрад ситад,
Бад ояд ба мардум зи кирдори бад.

Чу хушнуд бошад ҷаҳондори пок,
Надорад дареғ аз ман ин тирахок.

Ҷаҳон сарбасар дар паноҳи ман аст,
Писандидани дод роҳи ман аст,

Набояд, ки аз кордорони ман,
Зи сарҳангу ҷангисаворони ман

Бихуспад[3] касе дил пур аз орзуй,
Гизоянда[4] бо мардуми некхӯй.

1. ИЛ – з-он
2. Л – тоҷу гоҳи
3. Л – Нахуспад
4. Л – Гироянда

www.sattor.com

Кушодаст бар ҳар кас ин боргоҳ
Зи бадхоҳу аз мардуми некхоҳ.

Ҳама анҷуман хонданд офарин,
Ки обод бодо ба додат замин.

Фиристод бар ҳар сӯе лашкаре,
Ки то ҳар кӣ[1] бошад зи душман саре,

Сари кинаваршон ба роҳ оваранд,[2]
Гар оини шамшеру гоҳ оваранд.[3]

САРГУЗАШТИ АРДАШЕР БО ДУХТАРИ АРДАВОН

Бад-он гаҳ, ки шоҳ Ардавонро бикушт,
Зи хуни вай овард гетӣ ба мушт.

Чу ӯ кушта шуд, духтарашро бихост,
Бад-он то бигӯяд, ки ганҷаш куҷост.

Ду фарзанди ӯ шуд ба Ҳиндустон,
Ба ҳар неку бад гашта ҳамдостон,

Ду дар банду зиндони шоҳ Ардашер,
Падар куштаву зинда хаста ба тир.

Ба Ҳиндустон буд меҳтар писар,
Ки Баҳман будӣ номи ӯ[4] пурҳунар.

Фиристодае ҷуст борою ҳуш,
Ҷавоне ки дорад ба гуфтор гӯш.

Чу аз подшоҳӣ надид эч баҳр,
Бад-ӯ дод бегоҳ як пора заҳр.

Бад-ӯ гуфт: «Рав пеши хоҳар, бигӯй,
Ки аз душман ин меҳрубонӣ маҷӯй.

1. Л – Ки ҳар кас, ки
2. Л – оваред,
3. Л – чоҳ оваред.
4. ИЛ – он

www.sattor.com

Туро ду бародар[1] ба Ҳиндустон,
Ба ранҷу бало гашта ҳамдостон.

Ду он ҷо ба зиндони шоҳ-андарун,
Ду дида пур аз обу дил пур зи хун,

Ту аз мо гусаста бад-ин гуна меҳр,[2]
Писандад чунин Кирдгори сипеҳр?[3]

Чу хоҳӣ, ки бонуи Эрон шавӣ,
Ба гетӣ писанди далерон шавӣ.

Ҳалоҳил чунин заҳри ҳиндӣ бигир,
Ба кор ор якбора бар Ардашер».

Фиристода омад ба ҳангоми шом,
Ба духти гиромӣ бидод ин[4] паём.

Варо ҷону дил бар бародар бисӯхт,
Ба кирдори оташ дилаш барфурӯхт.

Зи доранда бистад гаронмоя заҳр,
Бад-он буд, ки бардорад аз ком баҳр.[5]

Чунон буд, ки як рӯз шоҳ Ардашер
Ба нахчир букшод бар гӯр тир.

Чу бугзашт ниме зи рӯзи дароз,
Сипаҳбад зи нахчиргаҳ гашт боз.

Сӯи духтари Ардавон шуд зи[6] роҳ,
Давон моҳчеҳра бишуд назди шоҳ.

Биёвард ҷоме зи ёқути зард,
Пур аз шаккару пист бо оби сард.

Биёмехт бо шаккару пист заҳр,
Ки Баҳман магар ёбад аз ком баҳр.

1. Л – Бародар ду дорӣ
2. И – банд,
3. И – баланд?
4. Л – он
5. Л – б. 29, 30 нест.
6. И – ба

www.sattor.com

Чу бигрифт шоҳ Ардашер он ба даст,
Зи дасташ биафтоду[1] бишкаст паст.

Шуд он подшозода[2] ларзон зи бим,
Ҳам андар замон шуд дилаш бар ду ним.

Ҷаҳондор аз он ларза шуд бадгумон,
Пурандеша аз гардиши осмон.

Бифармуд, то хонагӣ мурғ чор
Парастанда орад бари шаҳрёр.

Чу он мурғ бар пист бугзоштанд,
Гумоне ҳаме хира пиндоштанд.

Ҳамон гоҳ мурғ он бихӯрду бимурд,
Гумон бурдан аз роҳи некӣ бибурд.

Бифармуд, то мӯбаду кадхудой
Биёмад бари хусрави некрой.

Зи дастури хеш он[3] бипурсид шоҳ,
Ки бадхоҳро гар нишонӣ ба гоҳ,

Шавад дар навозиш дар он гуна маст,
Ки беҳуда ёзад ба ҷони ту даст,

Чӣ бодафра аст ин баровардаро,
Чӣ созем дармони худкардаро?»

Чунин дод посух, ки «Меҳтарпараст,
Чу ёзад ба ҷони ҷаҳондор даст,

Сари пургуноҳаш бибояд бурид,
Касе панд гӯяд, набояд шунид!»

Бифармуд, к-аз духтари Ардавон
Тане кун, ки ҳаргиз набинад равон,

1. Л – дарафтоду
2. Л – подшоҳбача
3. Л – Эрон

www.sattor.com

Бишуд мӯбаду пеши ӯ духти шоҳ
Ҳаме рафт ларзону дил[1] пургуноҳ.

Ба мӯбад чунин гуфт, к-«Эй пурхирад,
Марову туро рӯз ҳам бугзарад.

Агар кушт хоҳӣ маро ногузир,
Яке кӯдаке дорам аз Ардашер,

Агар ман сазоям ба хун рехтан,
Зи[2] дори баланд андаровехтан,

Чу ин гардад аз покмодар ҷудо,
Бикун, ҳар чӣ фармон диҳад подшо».

Зи раҳ боз шуд мӯбади тезвир,
Бигуфт, он чи бишнид, бо Ардашер.

Бад-ӯ гуфт: «З-ӯ[3] низ машнав сухун,
Каманд ору бодафраи ӯ бикун».

ЗОДАНИ ШОПУРИ АРДАШЕР

Ба дил гуфт мӯбад, ки бад рӯзгор,
Ки фармон чунин омад аз шаҳрёр.

Ҳама маргроем, барнову пир,
Надорад писар шаҳрёр Ардашер.

Гар ӯ бешумар[4] солиён бишмарад,
Ба душман расад тахт, к-ӯ[5] бугзарад.

Ҳамон беҳ, к-аз ин кори носудманд,
Ба мардӣ яке рой[6] созам баланд,

Зи куштан раҳонам ман ин моҳро,
Магар з-ин пушаймон кунам шоҳро».

1. И – ларзондилу
2. Л – Ба
3. Л – рав
4. ИЛ – солиён
5. Л – чун; И – гар
6. Л – кор

www.sattor.com

Ҳар он гаҳ к-аз ӯ бачча ояд ҷудо,
Ба ҷой орам ин кинаи[1] подшо.

На корест, к-аз дил ҳаме бугзарад,
Хирадманд бошам беҳ[2] аз бехирад.

Биёрост ҷое ба айвони хеш,
Ки дорад варо чун тану ҷони хеш.

Ба дил гуфт, агар ҳеҷ боди ҳаво
Бубинад варо, ман надорам раво.

Пас андеша кард он, ки душман бас аст,
Гумони баду нек бо ҳар кас аст.

Яке чора созам, ки бадгӯи ман
Наронад ба бад об дар ҷӯи ман.

Ба ҷое шуду хоя бибрид паст,
Бар ӯ доғу дору ниҳоду бубаст.

Ба хоя намак барпароканд зуд,
Ба ҳуққа дарафканд[3] бар сони дуд.

Ҳам андар замон ҳуққаро мӯҳр кард,
Биёмад хурӯшону рухсора зард.[4]

Ниҳоданд бар пеши[5] тахти баланд,
Ҳамон ҳуққа дар даст[6] бо мӯҳру банд.

Чунин гуфт бо шоҳ, к-«ин зинҳор,
Супорад ба ганҷури худ шаҳрёр.

---

1. И – ҷо орам ин гуфтаи
2. Л – на
3. Л – дароганд
4. ТПЛМ – Ба фармонбарон гуфт: «Маҳд оваред,
Чу тира шавад, назди шоҳам баред,
Чунон ҳам варо зор бардоштанд,
Ба маҳд-андарун тез бугзоштанд
Ба мӯбад чунин гуфт шоҳ Ардашер,
Ки чеҳра чаро кардаӣ чун зарир?»
Чунин дод посух, к-«Аз он коркард,
Дилам гашт пурдарду рухсора зард».
5. Л – Чу омад ба наздики
6. Л – бинҳод

www.sattor.com

Набишта бад-он ҳуққа таърихи он,
Падидор карда паю бехи он».

ЗОДАНИ ШОПУР ПИСАРИ АРДАШЕР АЗ ДУХТАРИ АРДАВОН ВА ПАС АЗ ҲАФТ СОЛ ОГОҲӢ ЁФТАНИ АРДАШЕР АЗ ОН ВА ШИНОХТАН ӮРО

Чу ҳангомаи зодан омад фароз,
Аз он кор бар бод накшод роз.

Писар зод аз ин духтари Ардавон,
Яке хусравоини[1] равшанравон,

Аз айвони хеш анҷуман дур кард,
Варо ном дастур Шопур кард.

Ниҳонаш ҳаме дошт то ҳафт сол,
Яке шоҳфаш[2] гашт бо фарру ёл.

Чунон буд, ки рӯзе биёмад вазир,
Бидид об бар чеҳраи Ардашер.

Бад-ӯ гуфт: «Шоҳо, анӯша бадӣ,[3]
Ниҳонро[4] ба андеша тӯша бадӣ![5]

Зи гетӣ ҳама коми дил ёфтӣ,
Сари душман аз тахт бартофтӣ.

Кунун гоҳи шодиву май х(в)ардан аст,
На ҳангоми андеша парвардан[6] аст.

Замин ҳафт кишвар ба шоҳӣ турост,
Сипоҳиву гоҳиву роҳӣ турост».

Чунин дод посух бад-ӯ шаҳрёр,
Ки «Эй покдил мӯбади роздор.[7]

1. И – хусравоину
2. Л – Шохрух
3. Л – бизӣ,
4. ИЛ – Равонро
5. Л – бизӣ.
6. ИЛ – овардан
7. И – ёдгор.

www.sattor.com

Замона ба шамшери мо гашт рост,[1]
Ғаму ранҷу нохубӣ аз мо бикост.[2]

Маро сол бар панҷаҳу як расид,
Зи кофур шуд мушку гул нопадид.

Писар боядӣ[3] пешам акнун ба пой,
Дилорову нерудеҳу[4] раҳнамой.

Падар бе писар чун[5] писар бе падар,
Ки бегона ӯро нагирад ба бар.

Пас аз ман ба душман расад тоҷу ганҷ,
Маро хок суд ояд аз дарду ранҷ».

Ба дил гуфт бедормарди куҳан,
Ки омад кунун рӯзгори сухан.

Бад-ӯ гуфт, к:-«Эй шоҳи кеҳтарнавоз,
Ҷавонмарду равшандилу сарфароз,

Гар эдун, ки ёбам ба ҷон зинҳор,
Ман ин ранҷ бардорам аз шаҳрёр».

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй хирадманд мард,
Чаро боядам ҷони ту ранҷа кард?

Бигӯ он чи дониву бифзой низ,
Зи гуфти хирадманд бартар чӣ чиз?»

Чунин дод посух бад-ӯ кадхудой,
Ки: «Эй шоҳи равшандилу[6] покрой,

Яке ҳуққа буд назди ганҷури шоҳ,
Сазад, гар ки хоҳад[7] кунун пешгоҳ».

Ба ганҷур гуфт: «Он, ки ӯ зинҳор
Туро дод, омад кунун хостор.

1. Л – рост гашт.
2. Л – ранҷ бо хӯрдан андаргузашт.
3. И – то будӣ
4. И – Ки дилҷӯи ман будиву
5. И – шуд; И – Чунин рӯзгораш биёмад ба сар.
6. Л – равшандили
7. ИЛ – бихоҳад

www.sattor.com

Бад-ӯ[1] боз деҳ, то бубинам, ки чист
Магармон набояд ба андеша зист»[2],

Биёвард пас ҳуққа ганҷури ӯй,
Супурд, он ки бистад зи дастури ӯй.

Бад-ӯ гуфт, к-«Он[3] хуни гарми ман аст,
Бурида зи бун боз[4] шарми ман аст.

Супурдӣ ба ман[5] духтари Ардавон,
Ки то боз хоҳӣ танаш[6] беравон.

Накуштам, ки фарзанд буд дар ниҳон,
Битарсидам аз Кирдгори ҷаҳон.

Наҷустам ба фармон-т озарми хеш,
Буридам ҳам андар замон шарми хеш,

Бад-он, то касе бад нагӯяд маро,
Ба дарёи тӯҳмат нашӯяд маро,

Кунун ҳафтсола-ст Шопури ту,
Ки зебад бад-он[7] сол дастури ту.

Чун ӯ нест фарзанд як шоҳро,
Намонад магар бар фалак моҳро.

Варо ном Шопур кардам ба меҳр,
Ки аз бахти ӯ шод бодо сипеҳр.

Ҳамон модараш низ[8] бо ӯ ба ҷой,
Ҷаҳонҷӯй фарзандро раҳнамой.

Бад-ӯ монд шоҳи ҷаҳон дар шигифт,[9]
В-аз он кӯдак андешаҳо баргирифт.

---

1. И – Бирав
2. И – Ниҳода бар ин ҳуққа-бар мӯҳри кист?;
   Л – Ниҳода бар ин банд-бар мӯҳри кист?
3. Л – Ин.
4. Л – бори
5. Л – маро
6. Л – тани
7. Л – шояд бад-ин
8. Л – низ модар-ш
9. И – Чу ӯ номи додори довар гирифт.

www.sattor.com

В-аз он пас чунин гуфт бо кадхудой,
Ки:-«Эй марди равшандили покрой,

Басе ранҷ бардоштӣ з-ин сухан,
Намонам, ки ранҷи ту гардад куҳан.

Кунун сад писар гир ҳамсоли ӯ,
Ба болову чеҳру бару ёли ӯ,

Ҳамон[1] ҷома пӯшида бо ӯ ба ҳам,
Набояд, ки чизе бувад бешу кам.

Ҳама кӯдаконро ба чавгон фирист
Биёрой гӯю ба майдон фирист.

Чу як[2] дашт кӯдак бувад хубчеҳр,
Бупечад зи фарзанд ҷонам ба меҳр.

Бар он ростӣ дил гувоӣ диҳад,
Маро бо писар ошноӣ диҳад.

ГӮЙ ЗАДАНИ ШОПУР ВА ШИНОХТАНИ ӮРО ПАДАР

Биёмад ба шабгир дастури шоҳ,
Бибурд он ҳама кӯдаконро ба гоҳ.[3]*[4]

Ба як ҷомаву чеҳру боло яке,
Ки пайдо набуд ин аз он андаке.

Ба майдон ту гуфтӣ яке сур буд,
Миён-андарун шоҳ Шопур буд.

Чу кӯдак ба захм андаровард рӯй,
Фузунӣ ҳаме ҷуст ҳар як ба гӯй.[5]

Биёмад ба майдони хеш Ардашер,
Тане чанд аз он вижагон[6] ногузир.

1. И – Ҳама
2. Л – бар
3. Л – Ҳаме бурд кӯдак ба майдонсипоҳ
4. М – Ҳаме бурд кӯдак ба майдонгох
5. Л – бад-ӯй
6. И – зиракон

www.sattor.com

Нигаҳ карду[1] чун кӯдаконро[2] бидид,
Яке боди сард аз ҷигар баркашид.

Ба ангушт бинмуд бо кадхудой,
Ки инак магар[3] Ардашере ба ҷой?

Бад-ӯ роҳбар гуфт, к-«Эй[4] подшо,
Дилат шуд ба фарзандии ӯ гуво.

Яке бандаро гуфт шоҳ Ардашер,
Ки: «Эй марди бинодилу ёдгир![5]

Ҳаме бош бо кӯдакон тозарӯй,
Ба чавгон ба[6] пеши ман андоз[7] гӯй.

Аз он кӯдакон он[8] кӣ ояд далер,
Миёни саворон ба кирдори шер.

Зи дидори ман гӯй берун барад,
Аз он анҷуман кас ба кас нашмарад

Бувад бегумон покфарзанди ман,
Зи тухму бару ёлу[9] пайванди ман.

Ба фармон бишуд[10] бандаи шаҳрёр,
Бизад гӯю афканд пеши савор.

Давон кӯдакон аз паси ӯ чу тир,
Чу гаштанд наздик бо Ардашер,

Бимонданд ноком бар ҷойи хеш,
Биёмад ҳамон гоҳ Шопур пеш,

Зи пеши падар гӯй бирбуду бурд,
Чу шуд дуртар, кӯдаконро супурд.

1. Л – кард,
2. И – кард чун кӯдак андар
3. ИЛ – яке
4. Л – гуфт мӯбад, ки
5. ИЛ – Раву гӯи эшон ба чавгон бигир.
6. И – чавгон-т
7. Л – сӯи ман биандоз
8. ИЛ – то
9. И – тухми ману пок
10. И – фармон шуда

www.sattor.com

Зи шодӣ чунон шуд дили Ардашер,
Ки гардад ҷавон мардуми гашта пир.

Саворонаш аз хок[1] бардоштанд,
Ҳаме даст бар даст бугзоштанд.

Шаҳаншоҳ аз он пас гирифташ ба бар,
Ҳаме офарин хонд бар додгар.

Сару чашму рӯяш бибӯсиду гуфт,
Ки чун ин[2] шигифтӣ нашояд нуҳуфт.

Ба дил ҳаргиз ин ёд нагзоштам,
Ки инро ҳама[3] кушта пиндоштам.

Чу Яздон ҳаме шаҳрёрӣ фузуд,
Зи ман дар ҷаҳон ёдгорӣ намуд.

Зи[4] фармони ӯ барнаёбӣ гузар,
В-агар бартар орӣ зи хуршед сар».

Гуҳар хост аз ганҷу динор хост,
Гаронмоя ёқути бисёр хост.

Бар ӯ зарру гавҳар ҳамерехтанд,
Зи бар мушку анбар ҳамебехтанд.

Зи динор шуд торакаш нопадид,
Зи гавҳар касе чеҳраи ӯ надид.

Ба дастур-бар низ гавҳар фишонд,
Ба курсии зарпайкараш барнишонд.

Бубахшид чандон варо хоста,
Ки шуд коху айвонаш ороста.[5]

Бифармуд, то духтари Ардавон
Ба айвон шавад шоду равшанравон.

1. И – Саворонаш он ҷой
2. ИЛ – чунин
3. ИЛ – ҳаме
4. Л – Ба
5. И – б. 144 нест.

www.sattor.com

Бубахшид карда гуноҳи варо,
Зи зангор биздуд моҳи варо.

Биёвард фарҳангиёнро зи шаҳр,
Касе, к-аш зи фарзонагӣ буд баҳр,

Набиштан[1] биёмӯхташ паҳлавӣ,
Нишасти сарафрозиву хусравӣ.[2]

Ҳамон чангро гирд кардан[3] инон,
Зи боло ба душман намудан[4] синон.

Зи[5] май хӯрдану бахшишу кори базм,
Сипаҳ бастану кӯшишу кори разм.

В-аз он пас дигар кард мехи[6] дирам,
Ҳамон мехи[7] динору ҳам[8] бешу кам,

Ба як рӯй-бар номи шоҳ Ардашер,
Ба рӯйи дигар номи фаррухвазир.

Гаронмоя буд номи дастури шоҳ,
Ҷаҳондида марди намояндароҳ.

Набиштанд бар номаҳо ҳамчунин,
Бад-ӯ дод фармони мӯҳру нигин.

Бубахшид ганҷе ба дарвешмард,
Ки хӯрдаш набудӣ ба ҷуз коркард,

Нигаҳ кард ҷое, ки буд хорсон,
Аз ӯ кард хуррам яке шорсон,

Куҷо Ҷанди Шопур хонӣ ҳаме,
Ҷуз ин низ номе надонӣ ҳаме.

1. Л – Набишта
2. И – б. 147, 148 нест.
3. Л – карда
4. Л – намуда
5. Л – Ба
6. Л – мӯҳри
7. Л – мӯҳри
8. Л – ҳар

www.sattor.com

ФОЛ ПУРСИДАНИ АРДАШЕР АЗ КАЙДИ ҲИНДӢ

Чу Шопур шуд ҳамчу сарви баланд,
Зи чашми бадаш буд[1] бими газанд.

Набудӣ ҷудо як замон з-Ардашер,
Мар ӯро чу[2] дастур гашту вазир.

Напардохтӣ шоҳ рӯзе зи ҷанг,
Ба[3] шодӣ набудиш ҷойи диранг.

Чу ҷое зи душман бупардохтӣ,
Дигар бадкуниш сар барафрохтӣ.

Ҳаме гуфт, к-аз Кирдгори ҷаҳон
Бихоҳам ҳаме ошкору ниҳон,

Ки бе душман орам ҷаҳонро ба даст,
Набошам магар пок яздонпараст.

Бад-ӯ гуфт фархунда дастури ӯй,[4]
Ки «Эй шоҳи равшандилу роҳҷӯй![5]

Сӯи Кайди ҳиндӣ фиристем кас,
Ки донишпажӯҳ асту фарёдрас.

Бидонад шумори сипеҳри баланд,
Дари шодмониву[6] роҳи газанд.

Агар ҳафт кишвар туро беҳамол
Ҳаме буд, хоҳад бидонад ба фол.[7]

Чу бишнид, бугзид шоҳ Ардашер
Ҷавоне гаронмояи тезвир.

1. Л – Рухаш зард буда зи
2. Л – Варо ҳамчу
3. Л – Зи
4. Л – ӯ,
5. Л – равшандили ростгӯй!
6. ИЛ – подшоҳиву
7. ТПЗЛ – Якояк бигӯяд, надорад ба ранҷ,
Нахоҳад бар ин посух аз шоҳ ганҷ.

www.sattor.com

Фиристод наздики донои Ҳинд
Басе аспу динору чинипаринд.

Бад-ӯ гуфт: «Рав пеши доно, бигӯй»,
Ки эй марди некахтари роҳҷӯй,

Ба ахтар нигаҳ кун, ки то ман зи ҷанг
Кай осояму кишвар орам ба чанг?

В-агар мисли ин то набошам ба ранҷ,
Бар ин гуна напроканам низ ганҷ.

Биёмад фиристодаи шаҳрёр
Бари Кайд бо ҳадяву бо нисор.

Бигуфт он чи бо вай шаҳаншоҳ гуфт,
Ҳама розҳо баркушод аз нуҳуфт,

Бипурсид аз ӯ Кайду ғамхора гашт,[1]
Зи пурсиш сӯи донишу чора гашт.[2]

Биёвард суллобу[3] ахтар гирифт,
Яке зиҷи ҳиндӣ ба бар даргирифт,

Нигаҳ кард кирдори чархи баланд
Аз осониву суду дарду газанд.

Фиристодаро гуфт: «Кардам шумор
Аз Эрону аз ахтари шаҳрёр,

Гар аз гавҳари Меҳраки Нӯшзод
Баромезад ин тухма бо он нажод,[4]

Нишинад ба ором бар тахти ноз[5],
Набояд шуд ӯро сӯи ҷанг боз.[6]

Бияфзоядаш ганҷу коҳад-ш ранҷ,
Ту шав, кина бо ин ду гавҳар масанҷ,

1. Л – Кайд ғамхора шуд,
2. – шуд.
3. И – Сутурлоб оварду
4. ИЛ – румӣ
5. ИЛ – шоҳ,
6. Л – Набояд фиристод ҳар сӯ сипоҳ.

www.sattor.com

Чу ин кард, Эрон варо гашт рост,
Биёбад ҳама коми дил, ҳар чӣ хост».

Фиристодаро чиз бахшиду гуфт,
К-аз ин ҳарф гуфтан набояд нуҳуфт,

К-аз ӯ з-ин напечад сипеҳри баланд,
Кунад ин, ки гуфтам бар ӯ арҷманд.

Фиристода омад бари шаҳрёр,
Бигуфт он чи бишнид аз омӯзгор.

Чу бишнид гуфтори ӯ Ардашер,
Дилаш гашт пурдарду рух пурзарир.[1]

Фиристодаро гуфт: «Ҳаргиз мабод,
Ки ман бинам[2] аз тухми Меҳрак нажод!

Ба хона-дарун душман орам зи кӯй,
Шавад бо бару буми ман кинаҷӯй.

Дареғ, он парокандани ганҷи ман,
Фиристодани мардуму ранҷи ман,

Зи Меҳрак яке духтаре монду бас,
Ки ӯро ба чеҳра надидаст кас.

Бифармоям акнун, ки ҷӯянд боз,
Зи Руму зи Чину зи Ҳинду Тароз,

Бар оташ чу ёбам-ш, бирён кунам,
Бар ӯ хокро зору гирён кунам.

Ба Ҷаҳрам фиристод чанде савор,
Яке марди ҷӯяндаву кинадор.

Чу огоҳ шуд духти Меҳрак, биҷаст,
Шуд аз хони Меҳрак,[3] ба кунҷе нишаст.

1. Л – Чун; И – б. 183- 186 нест.
2. И – Кӣ бинем
3. Л – Сӯи хони меҳтар

www.sattor.com

Чу биншаст дар хони меҳтар[1] ба деҳ,
Мар ӯро гиромӣ ҳаме дошт меҳ.

Биболид бар сони сарви саҳӣ,
Хирадманду бозебу бофарраҳӣ.[2]

Мар ӯро бад-он бум ҳамто набуд,
Ба кишвар чун ӯ[3] сарвболо набуд.

БА ЗАНӢ ГИРИФТАНИ ШОПУР ДУХТАРИ МЕҲРАКРО

Чу лахте баромад бар ин рӯзгор,
Фурӯзанда шуд ахтари[4] шаҳрёр.[5]

Ба нахчир шуд шоҳ рӯзе пагоҳ,
Хирадманд Шопур бо ӯ ба роҳ.

Ба ҳар сӯ саворон ҳаметохтанд,
Зи нахчир даште бипардохтанд.

Падид омад аз дур ҷое фарох,
Пур аз боғу майдону айвону кох.

Ҳаметофт Шопур то пеши деҳ,
Фуруд омад аз роҳ бар хони меҳ,

Яке боғ буд гашн андар сарой,
Ҷавон андаромад бад-он сабзҷой.

Яке духтаре дид бар сони моҳ,
Фурӯ ҳишта аз чарх далве ба чоҳ.

Чу он моҳрух рӯи Шопур дид,
Биёмад, бар ӯ офарин густарид,

1. Л – овози Меҳрак
2. ИЛ – Хирадманди
3. И – чунон
4. Л – давлати
5. ТПИМ – Кунун бишнав аз духти Меҳрак сухан
Або гурд Шопури шамшерзан.

www.sattor.com

Ки шодон бадӣ,[1] шоду[2] хандон бадӣ,[3]
Ҳамасола[4] аз бегазандон бадӣ.[5]

Кунун бегумон ташна бошад сутур,
Бад-ин деҳ бувад об якрӯя шӯр.

Ба чоҳ-андарун оби сард аст х(в)аш,
Бифармой, то ман бувам обкаш.

Бад-ӯ гуфт Шопур, к-«Эй моҳрӯй!
Чаро ранҷа гаштӣ бад-ин гуфтугӯй,

Ки ҳастанд[6] бо ман парастандамард,
К-аз ин чоҳи бебун кашанд оби сард.

Канизак зи барно бипӯшид рӯй,
Бишуд дуру биншаст дар пеши ҷӯй.

Парастандаеро бифармуд шоҳ,
Ки «Тašт овару об баркаш зи чоҳ».

Парастанда бишниду омад давон,[7]
Расан буд бо далву чархи[8] равон,

Чу он далв дар чоҳ пуроб гашт,
Парастандаро рӯй пуртоб гашт.

Чу далви гарон барнаёмад зи чоҳ,
Биёмад давон тез[9] Шопуршоҳ.[10]

Парастандаро гуфт, к «Эй нимзан!
На зан дошт ин далву чарху расан?

Ҳаме баркашид об чандон[11] зи чоҳ,
Ту гаштӣ пур аз ранҷу фарёдхоҳ.

1. Л – бизӣ,
2. И – шоҳу
3. Л – бизӣ,
4. И – Ҳама сол
5. Л – бизӣ.
6. Л – бошанд
7. ИЛ – дамон,
8. Л – бар чарху далве
9. Л – жакон- рӯй
10. И – б. 215 нест.
11. Л – чандин

www.sattor.com

Биёмад, расан бистад аз пешкор,
Шуд он кор душхор бар шаҳрёр.

Зи далви гарон чун чунон ранҷ дид,
Бар он хубрух офарин густарид,

Ки бартофт далве бар он сон гарон,
Ҳамоно, ки ҳаст аз нажоди каён.

Канизак, чу шаҳ далвро баркашид,
Биёмад, ба меҳр офарин густарид,

Ки нӯша бизӣ, то бувад рӯзгор,
Ҳамеша хирад бодат омӯзгор.

Ба неръӯи Шопури шоҳ Ардашер,
Шавад бегумон об дар чоҳ шир.

Ҷавон гуфт бо духтари хубрӯй:
«Чӣ донӣ, ки Шопурам, эй хубгӯй?»[1]

Чунин дод посух, ки «Ин достон
Шунидам басе аз лаби ростон,

Ки Шопури гурд аст бо зӯри пил,
Ба бахшандагӣ ҳамчу дарёи Нил.

Ба болой сарв асту рӯинтан аст,
Ба ҳар чиз монандаи Баҳман аст».

Бад-ӯ гуфт Шопур, к-«Эй моҳрӯй,
Сухан ҳар чи пурсам туро, рост гӯй.

Падидор кун, то нажоди ту чист,
Ки бар чеҳраи ту нишони каист.

Бад-ӯ гуфт: «Ман духти деҳмеҳтарам[2],
Азеро чунин хубу кундоварам».

Бад-ӯ гуфт Шопур: «Ҳаргиз дурӯғ
Нагирад бари шаҳрёрон фурӯғ.

1. ИЛ – моҳрӯй?
2. ИЛ – духтари меҳтарам,

www.sattor.com

Кашоварзро духтари моҳрӯй
Набошад бад-ин зӯру[1] ин рангу бӯй?»

Канизак бад-ӯ гуфт, к:-«Эй шаҳрёр!
Ҳар он гаҳ, ки ёбам ба ҷон зинҳор,

Бигӯям ҳама пеши ту ман[2] нажод,
Чу ёбам зи хашми шаҳаншоҳ дод».

Бад-ӯ гуфт Шопур, к:-«Аз бӯстон
Нарӯяд ҳаме кинаи дӯстон.

Бигӯю зи ман бим дар дил мадор,
На аз номвар, додгар шаҳрёр».[3]

Канизак бад-ӯ гуфт, к-Аз роҳи дод,
Манам духтари Меҳраки Нӯшзод[4]

Маро порсое биёвард хурд,
Бад-ин номвар меҳтари деҳ супурд.

Ман аз бими он номвар шаҳрёр
Чунин обкаш гаштаму пешкор».

Биёмад, бипардохт Шопур ҷой,
Ҳаме буд меҳтар ба пешаш ба пой.

Бад-ӯ гуфт, к-Ин духтари хубчеҳр
Ба ман деҳ, ба ман-бар[5] гуво кун сипеҳр.

Бад-ӯ дод меҳтар ба фармони ӯй
Бар оини оташпарастони ӯй.

ЗОДАНИ УРМУЗДИ ШОПУР АЗ ДУХТАРИ МЕҲРАК

Басе барнаёмад бад-ин рӯзгор,
Ки сарви саҳӣ чун гул омад ба бор.[6]

1. рӯю.
2. Л – аз
3. И – б. 233 – 236 нест.
4. И – мири деҳро нажод.
5. Л – бахшу бар ман
6. ТП – Ба айвони худ бурдаш аз хона меҳ,
Ҳаме дошташ чун яке тоза беҳ.

www.sattor.com

Чу нӯҳ моҳ бугзашт бар[1] моҳрӯй,
Яке кӯдак овард ҳамтои[2] ӯй.

Ту гуфтӣ, ки боз омад Исфандёр,
В-агар[3] номдор Ардашери савор.

Варо подшо ном кард Урмузд,
Чу сарве буд[4] андар миёни фурузд.

Чунин то баромад бар ин ҳафт сол,
Бибуд Урмузд аз ҷаҳон беҳамол.

Зи ҳар кас ниҳонаш ҳамедоштанд,
Ба ҷое ба бозиш[5] нагзоштанд.

Ба нахчир шуд ҳафт рӯз Ардашер,
Бишуд низ Шопури нахчиргир.

Ниҳон Урмузд аз миёни гурӯҳ,
Биёмад, к-аз омӯхтан шуд сутӯҳ.

Даромад[6] ба майдони шоҳ Ардашер,
Камон дошт бар дасту ду чӯба[7] тир.

Або кӯдаке чанд чавгону гӯй,
Ба майдони шоҳ омад он номҷӯй.[8]

Ҷаҳондор ҳам дарзамон бо сипоҳ
Даромад ба майдон зи нахчиргоҳ.

Або мӯбадон мӯбади тезвир
Чу надики майдон расид Ардашер,

Бизад кӯдаке тез чавгон зи роҳ,
Бишуд гӯй гардон[9] ба наздики шоҳ.[10]

---

1. Л – з-ин; И – з-он
2. ИЛ – омад ба болои
3. Л – Сари; И – Дигар
4. ИЛ – Ки сарве буд ӯ
5. Л – ниёзеш
6. Л – Давон шуд
7. Л – Камоне ба як дасту дигар ду
8. ИЛ – андар омад зи кӯй.
9. Л – гурдон
10. И – б. 254, 255 нест.

www.sattor.com

Нарафтанд аз эшон паси гӯй кас
Бимонданд ноком бар ҷой бас.

Давон Урмузд аз миёна бирафт
Ба пеши ҷаҳондор чун бод тафт.

Зи пеши ниё тез бардошт гӯй,
В-аз ӯ гашт лашкар пур аз гуфтугӯй.

В-аз он пас хурӯше баровард сахт,
К-аз ӯ хира шуд шоҳи бедорбахт.[1]

Ба мӯбад чунин гуфт, к-«Эй поквод!
Нигаҳ кун, ки то аз кӣ дорад нажод?»

Бипурсид мӯбад, надонист кас,
Ҳама хомӯшӣ баргузиданду бас.[2]

Ба мӯбад бифармуд[3] пас шаҳрёр,
Ки бардораш аз хоку назди ман ор.

Бишуд мӯбаду баргирифташ зи гард,
Бибурдаш бари шоҳи озодмард.

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй гаронмоя хурд,
Туро аз нажоди кӣ бояд шумурд?»

Ҳамон гоҳ кӯдак ба овоз гуфт,
Ки ному нажодам набояд нуҳуфт.

Манам пури Шопур, к-ӯ пури туст,
Зи фарзанди Меҳрак бизодам[4] дуруст.

Фурӯ монд аз ӯ шоҳи гетӣ[5] шигифт,
Бихандиду андеша андаргирифт.[6]

Бифармуд, то рафт Шопур пеш,
Ба пурсиш гирифташ аз андоза беш.

1. И – хуршед-тахт
2. И –б. 261 нест.
3. Л – чунин гуфт
4. Л – нажоди
5. Л – шоҳ гуфтӣ; И – Аз ӯ монд в-аз кори гетӣ
6. ТПМ – Ба дил гуфт, к-ин буданӣ кор буд,
Маро дар дил андӯҳ набояд фузуд.

www.sattor.com

Битарсид Шопур аз он коркард,[1]
Дилаш гашт пурдарду рухсора зард.

Бихандид аз ӯ номвар шаҳрёр,
Бад-ӯ гуфт, к-ин роз[2] пинҳон мадор!

Писар бояд аз ҳар кӣ бошад, равост,
Ки гӯянд,[3] к-ин баччаи подшост».

Бад-ӯ гуфт Шопур: «Нӯша[4] бадӣ,
Ҷаҳонро ба дидор тӯша бадӣ.

Зи пушти ману номи ӯ[5] Урмузд,
Дурахшанда чун лола андар фурузд.

Ниҳон доштам чанд[6] аз шаҳрёр,
Бад-он то сар ояд бари[7] мевадор.

Гаронмоя аз духтари Меҳрак аст,
Зи пушти ман асту[8] маро бешак аст.

Аз обу зи ҷоҳ он куҷо рафта буд,
Писар гуфт чанде, падар баршунуд.

Зи гуфтори ӯ шод гашт Ардашер,
Ба айвон хиромид худ бо вазир.

Гирифта дилафрӯзро бар канор,
Зи майдон сӯи тахт шуд шаҳрёр.

Биёрост заррин яке тахт шоҳ[9]
Яке тавқ фармуду[10] заррин кулоҳ.

1. Л – аз озодмард,
2. ИЛ – фарзанд
3. Л – Бигӯянд,
4. Л – Анӯша
5. Л – ман аст ину ном
6. Л – доштам чандаш
7. Л – Бар он то баромад бар аз
8. Л – аст ин,
9. Л – зергоҳ,
10. Л – фармуд,

www.sattor.com

Сари хурдкӯдак биёростанд,
Бас аз ганҷ зарру[1] гуҳар хостанд.

Ҳамерехт, то шуд сараш нопадид,
Пас он гаҳ танаш з-он миён баркашид.

Ҳама зарру гавҳар ба дарвеш дод,
Хирадмандро хоста беш дод.

Ба дебо биёрост оташкада,
Ҳам айвони Наврӯзу кохи Сада.

Яке базмгаҳ сохт бо меҳтарон,
Нишастанд бар базм ромишгарон.

Чунин гуфт бо номдорони шаҳр,
Ҳар он кас, ки ӯ аз хирад дошт баҳр,

Ки аз гуфти доно ситорашумар,
Мабодо,[2] ки ҳаргиз кунад кас гузар.

Чунин гуфта буд Кайди ҳиндӣ, ки «Бахт
Нагардад туро шоду хуррам, на тахт,

На кишвар, на афсар, на ганҷу сипоҳ,
На дайҳими шоҳӣ, на фарру[3] на ҷоҳ.

Магар тухмаи Меҳраки Нӯшзод
Биёмезад ин дуда бо он[4] нажод.

Кунун солиён андаромад ба ҳашт,
Ки ҷуз б-орзу чарх бар мо нагашт.

Чу рафт Урмузд андар ороми хеш,
Зи гетӣ надидам ҷуз аз[5] коми хеш.

Замин ҳафт кишвар маро гашт рост,
Дилам ёфт аз бахт,[6] чизе ки хост».

1. Л – Пас аз ганҷ дурру
2. ИЛ – Набояд
3. Л – фарзанду
4. Л – Баромезад он дуда бо ин
5. И – надидем ҷуз
6. И – тахт

www.sattor.com

В-аз он пас ҳама кордорони ӯй,
Шаҳаншоҳ карданд унвони ӯй.[1]

ТАДБИР СОХТАНИ АРДАШЕР ДАР КОРИ ПОДШОҲӢ

Зи фарру хунармандии[2] Ардашер
Сухан бишнаву як ба як ёд гир.

Бикӯшиду оини некӯ ниҳод,
Бигустурд бар ҳар касе[3] меҳру дод.

Ба даргоҳ чун хост лашкар фузун,
Фиристод бар ҳар сӯе раҳнамун,

Ки то ҳар касеро, ки дорад писар,
Намонад, ки боло кунад беҳунар.

Саворӣ биёмӯзаду расми ҷанг,
Ба гурзу камону ба тири хаданг,

Чу кӯдак зи кӯшиш банерӯ шудӣ,
Ба ҳар бахш-андар беоҳу шудӣ,

Зи кишвар ба даргоҳи шоҳ омадӣ,
Бад-он номвар боргоҳ омадӣ.

Навиштӣ араз ному[4] девони ӯй,
Биёростӣ коху майдони[5] ӯй.

Чу ҷанг омадӣ наврасида ҷавон,
Бирафтӣ зи даргоҳ бо паҳлавон.

Яке мӯбадеро зи корогаҳон[6],
Ки будӣ харидори кори ҷаҳон,

1. ТПМ – Кунун бишнав аз доду фарҳанги ӯй,
   Зи некӣ ба ҳар ҷой оҳанги ӯй.
2. И – Кунун аз хирадмандии
3. Л – сӯе
4. ИЛ – ном
5. Л – айвони
6. Л – Бубастӣ

www.sattor.com

Або ҳар ҳазоре яке корҷӯй
Бирафтӣ, нигаҳ доштӣ кори ӯй.

Ҳар он кас, ки дар ҷанг суст омадӣ,
Ба овард нотандуруст омадӣ,

Шаҳаншоҳро нома кардӣ бад-он,
Ҳам аз беҳунар, ҳам зи ҷанговарон.

Ҷаҳондор чун нома бархондӣ,
Фиристодаро пеш биншондӣ.

Ҳунармандро хилъат ростӣ,
Зин ганҷ, он чи пурмоятар, хостӣ.

Чу кардӣ нигоҳ андар он бадҳунар,
Набастӣ миён ҷангро бештар.

Чунин то сипоҳаш ба ҷое[1] расид,
Ки паҳнои эшон ситора надид.

Аз эшон касе, ки будӣ ройзан,
Сарашро барафрохтӣ з-анҷуман.

Бигаштӣ мунодигаре дар сипоҳ,
Ки «Эй номдорону гурдони шоҳ![2]

Ҳар он[3] кас, ки хушнудии шоҳ ҷуст,
Заминро ба хуни далерон бишуст,

Биёбад зи ман хилъати шаҳрёр,
Бувад дар ҷаҳон номи ӯ ёдгор.

Ба лашкар биёрост гетӣ ҳама,
Шубон гашту пархошҷӯён рама![4]

1. Л – то сипоҳӣ бад-он ҷо
2. И –б. 312 нест;
Л – Мунодигареро бифармуд шоҳ,
Ки то барзанад бонг дар боргоҳ.
3. ИЛ – Ки ҳар
4. ТПИ – Нигаҳ кун ба тадбири шоҳ Ардашер,
Ба девон чу бархост* кори дабир.
* И – Ки чун кард тадбири.

www.sattor.com

Ба девон-ш корогаҳон доштӣ,
Ба бедонишон кор нагзоштӣ.

Балоғат нигаҳ доштандиву хат,
Касе з-ӯ будӣ чира бар як нуқат.

Чу бардоштӣ он сухан раҳнамун,
Шаҳаншоҳ кардиш рӯзӣ фузун.

Касеро, ки камтар будӣ хатту вир,
Нарафтӣ ба девони шоҳ Ардашер.

Сӯи кордорон шудандӣ ба кор,
Қаламзан бимондӣ бари шаҳрёр.

Ситоянда буд шаҳрёр Ардашер,
Чу дидӣ ба даргоҳ марди дабир.

Нависанда гуфтӣ, ки ганҷ оганад,
Ҳам аз рою аз[1] ранҷ бипроганад.

Бад-ӯ бошад обод шаҳру сипоҳ,
Ҳамон зердастони фарёдхоҳ.

Дабирон чу пайванди ҷони мананд,
Ҳама[2] подшо бар ниҳони мананд.

Чу рафтӣ сӯи кишваре кордор,
Бад-ӯ шоҳ гуфтӣ, дирам хор дор.

Набояд, ки мардум фурӯшӣ ба ганҷ,
Ки бар кас намонад сарои сипанҷ.

Ҳама ростӣ ҷӯву фарзонагӣ,
Зи ту дур бод озу девонагӣ.

Зи пайванду хешон мабар ҳеҷ кас,
Сипоҳ он ки ман додамат, ёр бас.

Дирам бахш ҳар моҳ дарвешро,
Мадеҳ чиз марди бадандешро.

---
1. Л – ройи ӯ.
2. Л – Ҳамон

www.sattor.com

Агар кишвар обод дорӣ ба дод,
Бимонӣ ту ободу аз дод шод.

В-агар ҳеҷ дарвеш хуспад ба бим,
Ҳаме ҷон фурӯшӣ ба зарру ба сим.

Ҳар он кас, ки рафтӣ ба даргоҳи шоҳ
Ба шоиста кореву гар додгоҳ,

Шудандӣ бараш устуворони ӯй,
Ба пурсидан аз кордорони ӯй.

Кӣ додаст аз эшону гар оз чиз,
В-аз эшон кӣ хуспад ба тимор низ.

Дигар он ки дар шаҳр доно కианд,
Гар аз нестӣ нотавоно кианд?

Дигар кист, к-ӯ[1] аз дари подшост,
Ҷаҳондида пир аст, агар[2] порсост.

Шаҳаншоҳ гӯяд, ки аз ранҷи ман
Мабодо касе шоду аз[3] ганҷи ман

Магар марди бодонишу ёдгир,
Чӣ некӯтар аз марди донову пир?!

Ҷаҳонидидагонро манам[4] хостор,
Ҷавони писандидаву бурдбор.

Ҷавонони донои донишпазир,
Сазад, гар нишинанд бар ҷойи пир.

Чу лашкар-ш рафтӣ ба ҷое ба ҷанг,
Хирад ёр кардиву ройи[5] диранг.

Фиристодае[6] баргузидӣ дабир,
Хирадманду бодонишу ёдгир.

1. И – к-он
2. ИМ – Гаронмоя пир аст гар; Л – асту ҳам
3. ИЛ – шод бе
4. Л – Ҳаме
5. Л – рою
6. Л – Фиристодаро

www.sattor.com

Паёме бидодӣ ба оину чарб,
Бад-он, ки набошад ба бедод ҳарб.[1]

Фиристода рафтӣ бари душманаш,
Ки бишнохтӣ рози[2] пироҳанаш.

Шунидӣ сухан, гар хирад доштӣ,
Ғаму ранҷу[3] бадро ба бад доштӣ.

Бад-он ёфтӣ хилъати шаҳрёр,
Ҳамон аҳду маншуру ҳам ёдгор.

Агар тоб будӣ ба сар-ш-андарун,
Ба дил кину андар ҷигар ҷӯши хун,

Сипаҳро бидодӣ саросар дирам,
Бад-он то набошад яке тан дижам.

Яке паҳлавон хостӣ[4] номҷӯй,
Хирадманду бедору оромҷӯй.

Дабире баоину бодастгоҳ,
Ки дорад зи бедод лашкар нигоҳ.

В-аз он пас яке мард бар пушти пил,
Нишастӣ, ки рафтӣ хурӯшаш ду мил,

Задӣ бонг, к-«Эй номдорони ҷанг!
Ҳар он кас, ки дорад дилу ному нанг,

Набояд, ки бар ҳеҷ дарвеш ранҷ
Расад, гар бар он кас бувад ному ганҷ.

Ба ҳар манзиле-дар хӯреду диҳед,
Бад-он зердастон сипосе ниҳед.

Ба чизи касон кас маёзед[5] даст,
Ҳар он кас, ки ӯ ҳаст яздонпараст.

1. И – б. 343 нест.
2. ИЛ – нашнохтӣ роз
3. ИЛ – ранҷи
4. Л – доштӣ
5. Л – дармаёзед

www.sattor.com

Ба душман ҳар он кас, ки бинмуд пушт,
Шавад з-он сипас рӯзгораш дурушт.

Агар дахма бошад ба чанголи ӯй,
В-агар банд сояд бару ёли ӯй.

Зи девон агар номи ӯ карда пок,
Хӯриш, хоку хуфташ бари тирахок.

Ба солор гуфтӣ, ки сустӣ макун,
Ҳамон тезиву пешдастӣ макун.

Ҳамеша ба пеши сипаҳ дор пил,
Талоя пароканда бар чор мил.

Нахустин яке гирди лашкар бигард,
Чу пеш оядат рӯзи нангу набард.

Ба лашкар чунин гӯй, к-ин худ кианд,
Бад-ин размгоҳ-андарун бар чианд?

Шуморо ҳама пок барнову пир
Ситонам яке хилъат аз Ардашер,

Аз эшон сад аспафкан, аз мо яке,
Ҳамон сад ба пеши яке андаке.

Чу асп афканад лашкар, аз ҳар ду рӯй,
Набояд, ки гурдони пархошҷӯй

Биёянду монад тиҳӣ қалбгоҳ,
В-агарчанд бисёр бошад сипоҳ.

Чунон кун, ки бо маймана, майсара,
Бикӯшанд ҷанговарон яксара.

Бувад лашкари қалб бар ҷойи хеш,
Кас аз қалбгаҳ нагсилад пойи хеш.

В-агар қалби эшон бичунбад зи ҷой,
Ту бо лашкар аз қалбгоҳ андар ой.

www.sattor.com

Чу пирӯз гардӣ, зи тан хун марез,
Чу бошад зи ту[1] бадкуниш дар гурез.

Чу хоҳад зи душман касе зинҳор,
Ту зинҳордеҳ бошу кина мадор.

Чу ту пушти душман бубинӣ ба чиз,
Матозу мапардоз ҳам ҷой низ.

Набояд, ки эмин шавӣ аз камин,
Сипаҳ бошад андар дару дашти кин,

Ҳар он гаҳ ки аз душман эмин шавӣ,
Сухан гуфтани кас, нигар, нашнавӣ.

Ғанимат бар он бахш, к-ӯ ҷанг ҷуст,
Ба мардӣ дил аз ҷони ширин бишуст.

Ҳар он кас, ки гардад ба дастат асир,
Бад-ин боргоҳ овараш ногузир.

Ман аз баҳри эшон яке шорсон
Барорам ба буме, ки буд хорсон.

В-аз ин пандҳо ҳеҷ гуна магард,
Чу хоҳӣ, ки монӣ ту беранҷу дард.

Ба пирӯзӣ-андар ба Яздон гирой,
Ки ӯ бошадат, бегумон, раҳнамой.

Зи ҳар ҷо, ки омад фиристодае,
Зи турку зи румӣ, гар озодае,

Аз ӯ марзбон огаҳӣ доштӣ,
Чунин корҳо хор нагзоштӣ.

Ба раҳ-бар будӣ ҷойи ӯ сохта,
Куноранг аз он кор пардохта.

Зи пӯшиданиҳову аз хӯрданӣ,
Ниёзаш набудиву густурданӣ».

1. Л – Ки шуд душмани

www.sattor.com

Чу огаҳ шудӣ з-он сухан кордор,
Ки ӯ бар чӣ омад бари шаҳрёр,

Ҳаюни сарафрозу марди дабир
Бирафтӣ ба наздики шоҳ Ардашер.

Бад-он то пазира шудандӣ сипоҳ,
Биёростӣ тахт пирӯз шоҳ.

Кашидӣ парастанда ҳар сӯ рада,
Ҳама ҷомҳошон ба зар озада.

Фиристодаро пеши худ хондӣ,
Бари тахти заррин-ш биншондӣ.

Ба пурсиш гирифтӣ ҳама рози ӯй,
Зи неку баду ному овози ӯй.

Зи доду зи бедод дар кишвараш,
Аз оину аз шоҳу аз лашкараш.

Ба айвон-ш бурдӣ фиристодавор,
Биёростӣ, ҳар чӣ будӣ ба кор.

В-аз он пас ба хону маяш хондӣ,
Абар тахти заррин-ш биншондӣ.

Ба нахчир бурдиш бо хештан,
Шуда[1] лашкари бешумор анҷуман.

Гусӣ карданашро фиристодавор
Биёростӣ хилъати шаҳрёр.

Ба ҳар сӯ фиристод пас мӯбадон,
Беозору бедордил бихрадон,

Ки то ҳар сӯе шаҳрҳо сохтанд,
Бар ин низ ганҷе бипардохтанд.

Бад-он то касеро, ки бехона буд,
Набудаш наво, бахт бегона буд,

1. И – Шудӣ

www.sattor.com

Хӯриш сохт бо ҷойгоҳи нишаст,
Ҳамон то фаровон шавад зердаст.

Аз ӯ номи неке бувад дар ҷаҳон,
Чи бар ошкору чи андар ниҳон.

Чун ӯ дар ҷаҳон шаҳрёре бувад,
К-аз ӯ дар ҷаҳон[1] ёдгоре бувад.

Манам вижа зиндакуни номи ӯй,
Мабодо ба ҷуз нек фарҷоми ӯй.[2]

Фаровон сухан дар ниҳон доштӣ,
Ба ҳар ҷой корогаҳон доштӣ,

Чу бемоя гаштӣ яке моядор,
В-аз он огаҳӣ ёфтӣ шаҳрёр.

Чу боист, барсохтӣ кори ӯй,
Намондӣ чунон тира бозори ӯй.

Замини барӯманду ҷойи нишаст,
Парастандаву мардуми зердаст.

Биёростӣ, чун бибоист кор,
Нагаштӣ ниҳонаш ба шаҳр ошкор.[3]

Ҳамон кӯдакашро ба фарҳангиён
Супурдӣ, чу будӣ аз оҳангиён,

Ба ҳар барзан андар дабистон будӣ,
Ҳамон ҷойи оташпарастон будӣ.

Намондӣ, ки будӣ якеро ниёз
Магар доштӣ сахтии хеш роз.[4]

Наҷустӣ ба дод-андар озарми кас,
Чи кеҳтар, чи фарзанди фарёдрас,

---

1. Л – Пас аз марг аз ӯ
2. ТПИМ – Бубин ин шигифтӣ, ки аз додкард,
Ки байте* ба доди худ обод кард.
* И – гетӣ
3. И – б. 406, 407 нест.
4. ТПЗ – Ба майдон шудӣ бомдоди пагоҳ,
Бирафтӣ касе, к-ӯ будӣ додгоҳ.

www.sattor.com

Зи додаш ҷаҳон яксар обод буд,
Дили зердастон бад-ӯ шод буд.

Ҷаҳондор чун гашт бо дод ҷуфт,
Замона пайи ӯ наёрад нуҳуфт.

Нигаҳ кун ба тадбири озодмард,[1]
Ки дар некномӣ чӣ бунёд кард?[2]

Фиристода будӣ ба гирди ҷаҳон
Хирадманду бедор корогаҳон.

Ки ҷое, ки будӣ замини хароб,
В-агар танг будӣ ба рӯд-андар об,

Хироҷ андар он бум бардоштӣ,
Замини касон хор нагзоштӣ.

Гар эдун, ки деҳқон будӣ тангдаст,
Сӯи нестӣ гашта кораш зи ҳаст.

Бидодӣ зи ганҷ олату чорпой,
Намондӣ, ки пояш нарафтӣ зи ҷой.

Зи доно сухан бишнав, эй шаҳрёр,
Ҷаҳонро бад-ин гуна обод дор.

Чу хоҳӣ, ки озод бошӣ зи ранҷ,
Беозору оганда бе ранҷ ганҷ,

Беозории зердастон гузин,
Ки ёбӣ зи ҳар кас ба дод офарин[3]

АНДАРЗ КАРДАНИ ШОҲ АРДАШЕР МЕҲТАРОНИ ЭРОНРО

Чу аз Руму аз Чину аз Турку Ҳинд,
Ҷаҳон шуд мар ӯро чу румипаринд,

---

1. И – он родмард,
2. Л – б. 414 нест; И – Ки гӯйӣ ҳама некномӣ бибард.
3. И – пас аз б. 422 ин б. омада:
   Ки гетӣ мар ӯро ҳама рост шуд,
   Зи ҳиммат ба кайвон ҳаме хост шуд.

www.sattor.com

Зи ҳар мард пайваста шуд божу сов,
Касеро набуд бо ҷаҳондор тов.

Ҳама меҳтаронро зи Эрон бихонд,
Сазовор бар тахти шоҳӣ нишонд.

В-аз он пас ҷаҳондор бар пой хост,
Ба хубӣ биёрост гуфтор рост.

Чунин гуфт, к-«Эй номдорони шаҳр,
Зи рою хирад ҳар кӣ доред баҳр,

Бидонед, к-ин тез гардонсипеҳр
Нанозад ба доду наёзад ба меҳр.

Ҳар онро ки хоҳад, барорад баланд,
Ҳам ӯро супорад ба хоки нажанд.

Намонад ба ҷуз номи ӯ дар ҷаҳон,
Ҳама ранҷ бо ӯ шавад дар ниҳон.

Ба гетӣ мамонед ҷуз[1] номи нек,
Ҳар он кас, ки хоҳад саранҷоми нек.

Туро рӯзгор Урмузд он бувад,
Ки хушнудии покяздон бувад.

Ба Яздон гирою ба Яздон кушой,
Ки доранда ӯясту некифизой.[2]

Зи ҳар бад ба дорои гетӣ[3] паноҳ,
Ки ӯрост бар неку бад дастгоҳ.[4]

Кунад бар ту осон ҳама кори сахт,
Аз ӯӣ дилафрӯзу пирӯзбахт.[5]

Нахустин зи кори ман андоза гир,
Гузашта баду неки ман тоза гир.

1. Л – намонад ба ҷуз
2. И – ӯяст бар неку бад раҳнамой.
3. Л – додори кайҳон
4. И – б. 434 нест.
5. И – дилафрӯз, бедорбахт.

www.sattor.com

Чу кардам ба дорои гетӣ паноҳ,
Ба дил шодмон гаштам аз тоҷгоҳ,[1]

Замин ҳафт кишвар ба шоҳӣ марост,
Чунон к-аз худовандии ӯ сазост.

Ҳаме бож ёбам зи Руму зи Ҳинд,
Ҷаҳон шуд маро ҳамчу румипаринд.

Сипосам зи Яздон, ки ӯ дод зӯр,
Баландахтару бахши кайвону ҳур.

Ситоиш кӣ донад сазовори ӯй,
Ниёиш ба оини[2] кирдори ӯй!

Магар ӯ диҳад ёдамон бандагӣ,[3]
Намояд бузургиву дорандагӣ!

Кунун ҳар чӣ хоҳед кардан зи дод,
Бигӯему аз дод бошем[4] шод.

Зи даҳяк маро чанд дар шаҳрҳост,
Ки деҳқони мӯбад бар он-бар гувост.

Нахоҳам бубахшам шуморо ҳама,
Ҳамон даҳяки буму божи рама.

Магар он чи ояд шуморо фузун,
Биёрад сӯи ганҷи мо раҳнамун.

Зи даҳяк, ки ман бистадам пеш аз ин,
Зи бож он чи кам буд,ё беш аз ин,

Ҳама[5] аз пайи суд бурдам ба кор,
Бад-ӯ доштам лашкари[6] бешумор.

1. И – б. 437 нест.
2. ИЛ – бар оину
3. Л – к-ӯ диҳад ёри дармондагӣ.
4. И – Бикӯшему озод бошему
5. Л – Ҳаме
6. Л – Ба дар доштан лашкаре

www.sattor.com

Шуморо хушӣ ҷустаму[1] эманӣ,
Ниҳон кардани кеши оҳарманӣ.[2]

Шумо даст яксар ба Яздон занед,
Бикӯшеду паймони ӯ машканед,

Ки бахшанда ӯясту доранда[3] ӯст,
Баланд осмонро нигоранда ӯст.

Ситамдидаро ӯст фарёдрас,
Манозед бо нозиши ӯ ба кас.

Набояд ниҳодан дил андар фиреб,
Ки ҳаст аз паси ҳар фарозе нишеб

Куҷо он, ки барсуд тоҷаш ба абр?
Куҷо он, ки будӣ шикораш ҳизабр?

Ниҳолӣ ҳама, хок доранду хишт,
Хунук он ки ҷуз тухми некӣ накишт!

Ҳама, ҳар кӣ ояд дар ин[4] марзи ман,
Куҷо гӯш доред б-андарзи[5] ман.

Намоям шуморо кунун роҳ панҷ
Ки судаш фузун ояд аз тоҷу ганҷ.

АНДАРЗ КАРДАНИ АРДАШЕР МАРДУМОНРО

Ба гуфтори ин номдор Ардашер
Ҳама гӯш доред барнову пир.

Ҳар он кас, ки донад, ки додор ҳаст,
Набошад магар пок яздонпараст.

Дигар он ки дониш магиред[6] хор,
Агар зердастед, агар[7] шаҳрёр.

1. Л – Бузургӣ ҳамеҷустаму
2. Л – Аҳриманӣ
3. И – донанда
4. Л – бад-ин
5. ИЛ – дорад ба андарзи
6. Л – дониш нагирӣ ту
7. Л – зердастӣ ва гар

www.sattor.com

Се дигар бидонӣ, ки ҳаргиз сухан
Нагардад бари марди доно куҳан.

Ҷаҳорум, чунон дон, ки бими гуноҳ
Фузун бошад аз банду зиндони шоҳ.

Ба панҷум сухан мардуми айбҷӯй
Нагирад ба назди касон обрӯй.

Бигӯям яке тоза андарз низ,
Ки он бартар аз дидаву ҷону чиз.

Хунук он, ки обод дорад ҷаҳон,
Бувад ошкорои ӯ чун ниҳон.

Дигар он, ки дорад ҳам овози нарм,
Хирад дораду шарму гуфтори гарм.

Ҳазина шумар сим,[1] к-аз баҳри лоф
Ба беҳуда бипроканад бар газоф.

На музду на дорад касе з-ӯ сипос,
На бипсандат он мард яздоншинос.

Миёна гузинӣ, бимонад ба ҷой,
Хирадманд хонад-т[2] покизарой.

К-аз ин бугзарӣ, панҷ роҳ аст пеш,
Куҷо тоза гардад[3] туро дину кеш.

Таносойиву шодӣ афзоядат,
Ки бо шаҳри ӯ заҳр нагзоядат.

Яке он, ки аз бахшиши додгар,
Ба озу фузунӣ[4] наҷӯӣ гузар.

Тавонгар шавад,[5] ҳар кӣ хурсанд гашт,
Гули навбаҳораш барӯманд гашт.

1. Л – Ҳазина шумар мард
2. Л – хонад-ту
3. Л – дорад
4. Л – Ба кӯшиш
5. Л – шуда

www.sattor.com

Агар бишканӣ гардани озро,
Нагӯӣ ба пеши занон розро.

Се дигар нанозӣ ба нангу набард,
Ки нангу набард оварад ранҷу дард.

Чаҳорум, ки дил дур дорӣ зи ғам,
Зи ноомада ғам набошӣ дижам.

Ба панҷум, ба коре, ки кори ту нест,
Наёзӣ[1] бад-он, к-он шикори ту нест.

Ҳама гӯш доред панди маро,
Сухан гуфтани судманди маро.[2]

Замоне маёсой аз омӯхтан,
Агар ҷон ҳаме хоҳӣ афрӯхтан.

Чу фарзанд бошад, бафарҳанг дор,
Замона зи бозӣ бад-ӯ танг дор.

Ҳама ёд доред гуфтори мо,[3]
Кашидан бад-ин гуна тимори мо.[4]

Ҳар он кас, ки бододу равшандилед,
Зи омӯзиши якдигар магсилед.

Дил ором доред аз чор чиз,
К-аз ӯ хубиву судмандист низ,

Яке биму озарму шарми Худой,
Ки то бошадат раҳбару раҳнамой.

Дигар дод додан тани хешро,
Нигаҳ доштан домани[5] кешро.

Ба фармони Яздон дил оростан,
Маро чун тани хештан хостан.

1. ИЛ – Нанозӣ
2. ТПЗЛ – Бувад бар дили ҳар касе арҷманд,
Ки ёбад аз ӯ эминӣ аз газанд.
3. Л – ман
4. Л – ман.
5. И – донишу

www.sattor.com

Се дигар, ки пайдо кунӣ ростӣ,
Ба дур афканӣ кажживу костӣ.

Чаҳорум, ки аз ройи шоҳи ҷаҳон
Напечӣ дил аз ошкору ниҳон.

Варо чун тани хеш хоҳӣ ба меҳр,
Зи[1] фармони ӯ тоза гардад-т чеҳр.

Дилат баста дорӣ ба фармони ӯй,
Равонро напечӣ зи паймони ӯй.

Бар ӯ меҳр дорӣ чу бар ҷони хеш,
Чу бо дод бинӣ нигаҳбони хеш.

Ғами подшоҳӣ ҷаҳонҷӯйирост,
Зи гетӣ сиголиш нагирад зи[2] кост.

Гар аз кордорону аз лашкараш
Бидонад, ки ранҷ аст бар кишвараш,

Наёзад ба дод, ӯ ҷаҳондор нест,
Бар ӯ тоҷи шоҳӣ сазовор нест.

Сияҳ кард маншури шоҳаншаҳӣ,
В-аз он пас набошад варо фарраҳӣ.

Чунон дон, ки бедодгар шаҳрёр
Бувад шери дарранда бар марғзор.

Ҳамон зердасте, ки фармони шоҳ
Ба ранҷу ба кӯшиш надорад нигоҳ,

Бувад зиндагониш бо дарду ранҷ,
Нагардад[3] куҳан дар сарои сипанҷ.

Агар беҳтарӣ бояду меҳтарӣ,
Наёбӣ ба зуфтиву кундоварӣ.

Дили зердастони мо шод бод,
Ҳам аз доди мо гетӣ обод бод!»

1. Л – Ба
2. Л – фузунӣ сиголад на
3. Л – Бигардад

www.sattor.com

СИТУДАНИ ХАРРОД АРДАШЕРРО

Чу бар тахт биншаст шоҳ Ардашер,
Бишуд пешгоҳаш яке марди пир.

Кучо номи он пир Харрод буд,
Равону забонаш пур аз дод буд.

Чунин дод посух, ки «Эй шаҳрёр,
Анӯша бувӣ,[1] то бувад рӯзгор.

Ҳамеша бизӣ шоду пирӯзбахт,
Ба ту шодмон кишвару тоҷу тахт!

Ба ҷое расидӣ, ки мурғу дада
Зананд аз бари бахт пешат[2] рада.

Бузурги ҷаҳонӣ карон то карон,
Сарафроз бар тоҷвар меҳтарон.[3]

Кӣ донад сифат кардан аз доди ту,
Ки доду бузургист бунёди ту.

Ҳама офаринро[4] физоиш кунем,
Худои ҷаҳонро ниёиш кунем,

Ки мо зинда андар замони туем,
Ба ҳар кор некӯ гумони[5] туем.

Харидор дидору чеҳри туро,
Ҳамон хуб гуфтору[6] меҳри туро.

Ту эман бизӣ, к-аз ту мо эманем,
Мабодо, ки паймони ту бишканем.

Ту бастӣ раҳи бадсиголони мо,
Зи Ҳинду зи Чин ноҳамолони[7] мо.

1. ИЛ – бизӣ
2. Л – Зананд аз пасу пеши тахтат
3. И – б. 505, 506 нест.
4. И – офарин бар: Л – офарин дар
5. Л – неку бад дар амони
6. Л – чарбгуфтору
7. Л – ину ҳамолони

www.sattor.com

Пароканда шуд ғорату ҷангу ҷӯш,
Наёяд ҳаме бонги душман ба гӯш.

Бимонод ҷовид равшанравон,[1]
Ҳамеша сару кор бо мӯбадон.

На кас чун ту дорад зи шоҳон хирад,
На андеша аз ройи ту бугзарад.

Буне дарфикандӣ ба Эрон зи дод,
Ки фарзанди мо бошад аз дод шод.

Ба ҷое расидӣ ҳам андар сухан,
Ки нав шуд зи роҳи ту марди куҳан.

Бад-ин анҷуман ҳар кӣ дорад нажод,
Ба ту шодмонанду аз дод шод.

Хирадҳо фузун шуд зи гуфтори ту,
Ҷаҳон гашт равшан зи дидори ту.

Туӣ хилъати эзадӣ бахтро,
Кулоҳу камар бастану тахтро.

Бимонӣ чунин шод бо меҳру дод,
Надорад ҷаҳон чун ту хусрав ба ёд.

Ҷаҳон эмин аз бурзу аз фарри туст,
Хунук он, ки дар сояи парри туст,

Ҳамеша сари тахт ҷойи ту бод,
Ҷаҳон зери фармону ройи ту бод!»

СУХАН ДАР БЕВАФОИИ РӮЗГОР

Ало, эй харидори мағзи сухан,
Дилат баргусил з-ин сарои куҳан,

Ки ӯ чун ману чун ту бисёр дид,
Нахоҳад ҳаме бо касе орамид.

1. Л – Бимонӣ чунин шод то ҷовидон,

www.sattor.com

Агар шаҳрёрӣ в-агар пешкор,
Ту андар гузориву ӯ пойдор.

Чи бо ранҷ бошӣ, чи бо тоҷу тахт,
Бибояд-т бастан ба фарҷом рахт.[1]

Агар з-оҳанӣ, чарх бигдозадат,
Чу гаштӣ куҳан, низ нанвозадат,

Чу сарви дилорой гардад ба хам,
Хурӯшон шавад наргисони дижам,

Ҳамон чеҳраи арғувон заъфарон,
Сари[2] мардуми шод гардад гарон,

Нахуспад равон, чунки боло бичафт,[3]
Ту танҳо мамон, чунки ҳамроҳ рафт.

Агар шаҳрёрӣ, агар зердаст,
Ба ҷуз хоки тира наёбӣ нишаст.

Куҷо он бузургони тоҷу тахт?
Куҷо он саворони пирӯзбахт?

Куҷо он хирадманд кундоварон?
Куҷо он сарафроз ҷангисарон?

Ҳама хок доранд болину хишт,
Хунук он, ки ҷуз номи[4] неке наҳишт.

Нишон бас бувад шаҳрёр[5] Ардашер,
Чу аз ман сухан бишнавӣ, ёд гир».

СУПУРДАНИ АРДАШЕР КОРИ ПОДШОҲИРО БА ШОПУР

Чу сол андаромад ба ҳафтоду ҳашт,
Ҷаҳондори бедор бемор гашт.

1. И – б. 526, 527 нест.
2. ИЛ – Сабук
3. Л – ҳар ки боло гирифт,
4. ИЛ – тухми
5. И – шоҳии

www.sattor.com

Бидонист, к-омад ба наздик марг,
Ҳаме зард хоҳад буд он[1] сабзбарг.

Бифармуд, то рафт Шопур пеш,
Варо пандҳо дод аз андоза беш.

Бад-ӯ гуфт, к-«Ин аҳди ман ёд дор,
Ҳама гуфти бадгӯйро бод дор,

Суханҳои ман чун шунидӣ, биварз,
Магар боздонӣ зи ноарз арз.

Ҷаҳон рост кардам ба шамшери дод,
Нигаҳ доштам арҷи марди нажод.

Чу кори ҷаҳон мар маро гашт рост,
Фузун шуд замин,[2] зиндагонӣ бикост.

В-аз он пас, ки бисёр бурдем ранҷ,
Биполуд хайю[3] биафзуд ганҷ.

Шуморо ҳама ганҷ[4] пеш асту ноз,[5]
Ба ҳар ҷо нишеб аст пеши[6] фароз.

Чунин аст кирдори гардонсипеҳр,
Гаҳе дард[7] пеш орадат,[8] гоҳ меҳр.

Гаҳе бахт гардад чу аспи шамус,
Ба нӯъм-андарун зуфтӣ орад-т бӯс.

Замоне яке борае тохта,
Зи некӣ сарашро[9] барафрохта,

Бидон, эй писар, к-ин сарои фиреб
Надорад туро шодмон бениҳеб.[10]

1. ИЛ – шудан
2. Л – ҷаҳон; И – маро
3. Л – хай чун
4. Л – ҳамон ранҷ
5. Л – боз
6. Л – Замоне нишебу замоне; И – пеш аз
7. Л – кина
8. И – оварад
9. Л – Зи фарзонагӣ сар
10. И – б. 558, 559 нест.

www.sattor.com

Нигаҳдори тан бошу они хирад,
Чу хоҳӣ, ки рӯзат ба бад нагзарад.

Чу бар дин кунад шаҳрёр офарин,
Бародар[1] шавад подшоҳиву дин.

На бе тахти шоҳӣ бувад дин ба пой,
На бе дин бувад шаҳрёре ба ҷой,

Ду бунёд як бар дигар бофта,
Бароварда пеши хирад тофта.

На аз подшо бениёз аст дин,
На бе дин бувад шоҳро офарин.

Чун ин посбонони якдигаранд,
Ту гӯӣ, ки дар зери як чодаранд.

На он з-ин, на ин з-он бувад бениёз,
Ду анбоз дидемашон нексоз.

Чу бошад Худованди рою хирад,
Ду гетӣ ҳама марди динӣ барад.

Чу динро бувад подшо посбон,
Ту ин ҳар дуро ҷуз бародар махон.

Ҳар он кас, ки бар додгар шаҳрёр
Кушояд забон, марди динаш мадор.

Чу диндор кин дорад аз подшо,
Магар то нахонӣ варо порсо.

Чӣ гуфт он сухангӯи боофарин,
Ки чун бингарӣ, мағзи дод аст дин.

Сари тахти шоҳон бупечад се кор
Нахустин зи бедодгар шаҳрёр.

Дигар он, ки бемояро[2] баркашад,
Зи марди ҳунарманд бартар кашад.

1. Л – Бар озар
2. ИЛ – бесудро

www.sattor.com

Се дигар, ки бо ганҷ хешӣ кунад,
Ба динор кӯшад, ки бешӣ кунад.

Ба бахшандагӣ нозу доду хирад,[1]
Дурӯғ эч то бар ту барнагзарад.

Рухи подшо тира дорад дурӯғ,
Бадандеш ҳаргиз нагирад фурӯғ.

Нигар, то набошӣ нигаҳбони ганҷ,
Ки мардум зи динор ёзад ба ранҷ.

Агар подшо ози ганҷ оварад,
Тани зердастон ба ранҷ оварад.

Куҷо ганҷи деҳқон бувад ганҷи ӯст
В-агарчанд бар кӯшишу ранҷи ӯст[2].

Нигаҳбон бувад шоҳ ганҷи варо,
Ба бор оварад низ ранҷи варо.

Бад-он кӯш, то дур монӣ[3] зи хашм,
Ба мардӣ бихоб аз гунаҳгор чашм.

Чу хашм оварӣ, ҳам пушаймон шавӣ,
Ба пӯзиш нигаҳбони дармон шавӣ.

Ҳамон гаҳ, ки хашм оварад подшо,
Сабукмоя хонад варо порсо.

Чу бар шоҳ айб аст бад хостан,
Бибояд ба хубӣ дил оростан.

В-агар бим дорад[4]ба дил як замон,
Шавад чира[5]ройи дили бадгумон.

Зи бахшиш манеҳ бар дил андӯҳ низ,
Бидон, эй писар, то тавон, арчи чиз.

1. И – б. 566 нест.
2. И – б. 570 нест.
3. Л – бошӣ
4. ИЛ- дорӣ
5. Л- хира

www.sattor.com

Чунон дон, ки шоҳӣ бар он бар-сазост,[1]
Ки даври фалакро бубахшид рост.

Замоне ғами подшоҳӣ х(в)арад,[2]
Худу мӯбадаш рой пеш оварад.

Бипурсад ҳам аз кори бедоду дод,
Кунад он сухан бар дили шоҳ ёд.

Ба рӯзе, ки ройи шикор оядат,
Агар май хӯрӣ, беш бигзоядат[3]

Ду бозӣ ба ҳам-бар набояд задан,
Маю базму нахчиру берун шудан,

Ки тан гардад аз ҷунбиши май гарон,
Нигаҳ доштанд ин сухан меҳтарон.

В-агар душман ояд зи ҷое[4] падид,
Аз ин корҳо дил бибояд[5] кашид.

Дирам бояду[6] теғ перостан,
Зи ҳар подшоҳе[7] сипаҳ хостан.

Ба фардо мамон кори имрӯзро,
Бари тахт маншон бадомӯзро.

Маҷӯй аз дили омиён ростӣ,
К-аз он ҷустуҷӯ оядат костӣ.

В-аз эшон туро гар бад ояд хабар,
Ту машнав зи бадгӯву андӯҳ мах(в)ар

На хусравпарасту на яздонпараст,
Агар пой гирӣ, сар ояд ба даст.

Чунин бошад андозаи оми шаҳр,
Туро ҷовидон аз хирад бод баҳр.

1. Л- кас сазост,
2. ИЛ- барад,
3. Л- Чу гиранда боз он ба кор оядат.
4. Л- ба гоҳе
5. Л- набояд
6. Л- додану
7. Л- ба ҳар подшоҳӣ

www.sattor.com

Битарс аз бади мардуми бадниҳон,
Ки аз бадниҳон танг бошад ҷаҳон.

Сухан ҳеҷ масрой бо роздор,
Ки ӯро бувад низ анбозу ёр.

Суханро ту барканда[1] донӣ ҳаме,
Ба[2] гетӣ пароканда хонӣ ҳаме.

Чу розат ба шаҳр ошкоро шавад,
Дили бихрадат бемадоро шавад.

Барошӯбиву сарсабук хонадат,
Хирадманд к-он ҷӯш биншонадат.

Ту айби касон ҳеҷ гуна маҷӯй,[3]
Ки айб оварад бар ту-бар айбгӯй.[4]

В- агар чира гардад ҳаво бар хирад,
Хирадмандат аз мардумон нашмарад.

Хирадманд бояд[5] ҷаҳондор шоҳ,
Куҷо ҳар касеро бувад некхоҳ.

Касе к-ӯ бувад тезу бартарманиш,
Напечад зи[6] пайғораву сарзаниш.

Мабодо, ки гирад ба назди ту ҷой,
Чунин мард гар бошадат раҳнамой.

Чу хоҳӣ, ки бистоядат порсо,
Бинеҳ хашму кин, чун шавӣ подшо.

Ҳаво ҳар кӣ бар тахти ҳашмат нишаст,
Набошад хирадманду яздонпараст.

Набояд, ки бошӣ фаровонсухун,
Ба рӯи касон порсоӣ макун,

1. ИЛ- оганда
2. ИЛ- Зи
3. И- магӯй,
4. Л- айбчӯй: И- ҳам айбҷӯй.
5. Л- бошад
6. И- Бупечад ба

www.sattor.com

Сухан бишнавӣ,[1] беҳтарин ёд гир,
Нигар, то кадом оядат дилпазир.

Сухан пеши фарҳангиён сахта гӯй,
Ба ҳар кас навозандаву тозарӯй.

Макун хор хоҳанда дарвешро,
Бари тахт маншон бадандешро.

Ҳар он кас, ки пӯзиш кунад бар гуноҳ,
Ту бипзиру кини гузашта махоҳ.

Ҳама додгар[2] бошу парвардгор,
Хунук марди бахшандаву[3] бурдбор.

Чу душман битарсад, шавад чоплус,
Ту лашкар биёрову барбанд кӯс.

Ба ҷанг он гаҳе шав, ки душман зи ҷанг
Бипарҳезаду суст гардад- ш чанг.

В-агар оштӣ ҷӯяду ростӣ,
Набинӣ ба дил-ш-андарун костӣ.

Аз ӯ бож бистону кина маҷӯй,
Чунин ор наздики ӯ обрӯй.

Биёрой дилро ба дониш, ки арз
Ба дониш бувад, чун бидонӣ, биварз.

Чу бахшанда бошӣ, гиромӣ шавӣ,
Ба доноиву дод номӣ шавӣ.[4]

Ту аҳди падар бо равонат бидор,
Ба фарзанд мон ҳамчунин ёдгор.

Чу ман ҳаққи фарзанд бугзордам,
Касеро ба гетӣ наёзордам,

---

1. Л- бишнаву
2. И- доддеҳ
3. И- бахшандаи
4. И –б. 610, 611 нест.

www.sattor.com

Шумо ҳам аз ин аҳди ман магзаред,
Нафас достонро ба бад машмаред.[1]

Бар ин бугзарад солиён панҷсад,
Бузургӣ шуморо ба поён расад.

Бупечад сари аҳд фарзанди ту,
Ҳамон кас, ки бошад зи пайванди ту,

Зи рою зи дониш ба як сӯ шаванд,
Ҳамон панди донандагон нашнаванд.

Бигарданд яксар зи аҳди[2] вафо,
Ба бедод ёзанду[3] ҷабру ҷафо.

Ҷаҳон танг доранд бар зердаст,
Бар эшон шавад хор яздонпараст,

Бипӯшанд пероҳани бадтанӣ,
Биболанд бо кеши оҳарманӣ.

Кушода шавад, ҳар чӣ мо бастаем,
Биёлояд ин дин, ки мо шустаем.

Табаҳ гардад ин панду андарзи ман,
Ба вайронӣ орад рух ин марзи ман.

Ҳаме хоҳам аз кирдгори ҷаҳон,
Шиносандаи ошкору ниҳон,

Ки бошад зи ҳар бад нигаҳдоратон,[4]
Ҳама некномӣ бувад ёратон,[5]

Зи Яздону аз мо бар он кас дуруд,
Ки тораш хирад бошаду дод пуд.

---

1. ТПМ – Ту панди падар ҳамчунин ёд дор,
Ба некӣ гирову бадӣ боздор.
Ба хира маранҷон равони маро,
Ба оташ тани нотавони маро.
Манеҳ гардани хеш б-озори кас,
Маҷӯй, эй писар, дарду тимори кас.
2. ИЛ – аҳду
3. ИЛ – ёзанд
4. Л – нигаҳдорамон,
5. Л – ёрамон.

www.sattor.com

Наёрад шикаст андар ин аҳди ман,
Накӯшад, ки ҳанзал кунад шаҳди ман.

Баромад чиҳил солу бар сар ду моҳ,
Ки то барниҳодам зи шоҳӣ кулоҳ.

Ба гетӣ маро шорсон аст шаш,
Ҳамон мушкбӯву ба зер[1] оби х(в)аш.

Яке хондам Хурраи Ардашер,
Ҳаво хушгувору[2] ба ҷӯй оби шир.

Чу Ромардашер аст шаҳри дигар,
К-аз ӯ бар сӯи Порс кардам[3] гузар.

Дигар шорсон Урмуздардашер,[4]
Ки гардад зи бодаш ҷавонмард пир.

Бад-ӯ шод шуд кишвари Хузиён,
Пур аз мардуму обу суду зиён,

Дигар шорсон Биркаи Ардашер,
Пур аз боғу пургулшану обгир.

Ду дар буми Майсону оби[5] Фурот,
Пур аз чашмаву чорпову набот,

Ки хонӣ бино подшоҳ Ардашер,
Чу аз ман сухан бишнавӣ, ёд гир.

Кунун дахмаро барниҳодем рахт,
Ту биспор тобуту пардоз[6] тахт.

Басе ранҷҳо бурдам андар ҷаҳон,
Чи бар ошкоро, чи андар ниҳон.

Равони маро шод гардон ба дод,
Ки пирӯз бодӣ ту бар тахту шод.

---

1. Л – Ҳаво хушгувору замин
2. ЛМ – мушкбӯву
3. Л – кардӣ
4. Л – Биркаи Ардашер,
5. Л – бар буми Майсору рӯди
6. ИЛ – бардор

www.sattor.com

Бигуфт ину торик шуд бахти ӯй,
Дареғ он сару афсару тахти ӯй.

Чунин аст оину расми[1] ҷаҳон,
Нахоҳад кушодан ба мо-бар ниҳон.

Анӯша касе, ки бузургӣ надид,
Набоисташ аз тахт шуд нопадид.

Бикӯшанду ҳар гуна варзанд[2] чиз,
На мардум, на он чиз монад ба низ.

Саранҷом бо хок бошем ҷуфт,
Ду рухро ба чодар бибояд нуҳуфт.

Биё, то ҳама дасти некӣ барем,
Ҷаҳони ҷаҳонро ба бад наспарем.

Хунук он куҷо май[3] бигирад ба даст,
Хӯрад ёди[4] шоҳони[5] яздонпараст.

Чу ҷоми набидаш дамодам шавад,
Бихуспад бад-он гаҳ, ки хуррам шавад[6]

---

1. Л – оини хуррам
2. Л – Бикӯшиву варзӣ зи ҳар гуна
3. ИЛ – ки ҷоме
4. Л – Барад номи
5. И – Худи подшоҳони
6. ТПЗИЛ: - Бар он офарин, к-офарин офарид,
Макону замону замин офарид.
Ҳам ором аз ӯяст, ҳам ком аз ӯй,
Ҳам анҷом аз ӯясту фарҷом аз ӯй,
Сипеҳру замину замон кардааст,
Каму беши гетӣ баровардааст.
Зи хошоки ночиз то арши рост
Саросар ба ҳастии Яздон гувост.
Ҷуз ӯро махон Кирдгори ҷаҳон,
Шиносандаи ошкору ниҳон.
В-аз ӯ бар равони Муҳаммад дуруд,
Ба ёрон-ш бар ҳар яке барфузуд*.
Ҳама пок буданду парҳезгор,
Суханҳояшон баргузашт аз шумор.
Кунун бар суханҳо физоиш кунем,
Ҷаҳонофаринро ниёиш* кунем,
Ситоем тоҷи** шаҳаншоҳро,
Ки бахташ*** дурафшон кунад моҳро.
Ҷаҳондор Маҳмуди бофарру ҷуд,
К-аз ӯ бахшишу ҷуд шуд дар вуҷуд

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ ШОПУРИ АРДАШЕР

Сиву як солу як моҳу ду рӯз буд

БАР ТАХТ НИШАСТАНИ ШОПУР

Чу Шопур биншаст бар тахти дод
Кулоҳи дилафрӯз бар сар ниҳод.

Шуданд анҷуман пеши ӯ бихрадон,
Бузургони фарзонаву мӯбадон.

Далер асту бобахшишу фарру дод,
Замона зи фармони ӯ гашт шод.
Худованди кӯполу шамшеру ранҷ,****
Худованди осониву тоҷи ганҷ.
Ҷаҳондори бофарру некишинос,
Ки аз тоҷ дорад зи Яздон сипос.
Хирадманду зебову чирасухан,
Ҷавона***** ба солу ба дониш куҳан.
Ҳаме муштарӣ борад****** аз фарри ӯй,
Бинозем дар сояи парри ӯй,
Ба разм осмонро хурӯшон кунад,
Чу базм оядаш, гавҳар афшон кунад.
Чу хашм оварад, кӯҳ резон шавад,
Сипеҳр аз бари хок ларзон шавад.
Падар бар падар шаҳрёр асту шоҳ,
Бинозад бад-ӯ гунбади хуру моҳ.
Бимонод то ҷовидон номи ӯй
Ҳама меҳтарӣ бод фарҷоми ӯй!
Сари нома кардам санои варо,
Бузургиву оину ройи варо.
Зи гетӣ варо бод фарҷоми нек.
Аз ӯ дидам андар ҷаҳон номи нек,
Зи дидори ӯ тоҷ равшан шудаст,
Зи бадҳо варо бахт ҷавшан шудаст.
Бинозад бад-ӯ мардуми порсо,
Ҳамон кас, ки шуд бар замин подшо.
Ҳаво равшан аз моявар бахти ӯст,
Замин пояи номвар тахти ӯст.
Ба разм-ндарун жандапили балост,
Ба базм-ндарун осмони вафост.
Чу дар базм рахшон шавад ройи ӯй,
Ҳама мавҷ хезад зи дарёи ӯй.
Ба нахчир шоҳон******* шикори ваянд,
Даду дом дар зинҳори ваянд.
Аз овози гурзаш ҳаме рӯзи ҷанг
Бидаррад дили шеру чарми******** паланг.
Сараш сабз бодо, дилаш пур зи дод,
Ҷаҳон бесару афсари ӯ мабод!

* Л – ситоиш ** И – з-он пас *** ИЛ – тахташ **** И – санҷ ***** Л – ҷавоне
****** Л – нозад ******* Л – шерон ******** Л – гӯши

www.sattor.com

Чунин гуфт, к-«Эй номдор анҷуман,
Бузургони бодонишу ройзан,

Манам покфарзанди шоҳ Ардашер,
Сарояндаи донишу ёдгир.

Ҳама гӯш доред фармони ман,
Магардед як тан зи паймони ман.

В-аз ин ҳар чӣ гӯям, пажӯҳиш кунед,
Агар хом бошад, накӯҳиш кунед.

Чу дидам кунун роҳи суду зиён,
Ду бахшаш ниҳода шуд андар миён.

Яке подшо посбони ҷаҳон,
Нигаҳбони ганҷи кеҳону меҳон.

Агар шоҳ бododу фаррухпай аст,
Хирад бегумон посбони вай аст.

Хирад посбон бошаду некхоҳ,
Сараш баргузорад зи абри сиёҳ.

Ҳама ҷустанаш доду дониш бувад,
Зи дониш равонаш баромиш бувад.

Дигар он ки бо озмуни хирад
Бикӯшад, ки бо дод[1] гирд оварад.

Ба дониш зи Яздон шиносад сипос,
Хунук марди донову яздоншинос.

Ба шоҳӣ хирадманд бошад сазо,
Ба ҷойи хирад зар бувад[2] бебаҳо.

Тавонгар бувад[3], ҳар кӣ хушнуд гашт,
Дили орзу[4] хонаи дуд гашт.

Киро орзу беш, тимор беш,
Бикӯшу манеҳ меваи оз пеш.

1. Л – ба мардиву
2. Л – шавад
3. Л – шавад
4. Л – озвар

www.sattor.com

Ба осоишу некномӣ гирой,
Гурезон шав аз марди нопокрой.

Ба чизи касон даст ёзад касе,
Ки баҳра надорад зи дониш[1] басе.

Маро бар шумо з-он фузун аст меҳр,
Ки ахтар намояд ҳаме бар сипеҳр.

Ҳамон расми шоҳи баланд Ардашер,
Ба ҷой оварам бо шумо ногузир.

Зи деҳқон нахоҳам ҷуз аз сӣ[2] яке
Дирам,то ба лашкар диҳам андаке.

Маро шаҳру ҳам[3] ганҷи обод ҳаст,
Далериву мардиву бунёд ҳаст.

Зи чизи касон бениёзем низ,
Ки душман бувад[4] дӯст аз баҳри чиз.

Бари мо шуморо кушодаст роҳ,
Бамеҳрем бар мардуми додхоҳ.

Ба ҳар сӯ фиристем корогаҳон,
Биҷӯем бедор кори ҷаҳон.

Нахоҳем ҳаргиз ҷуз аз офарин,
Ки бар мо кунад мӯбади покдин.[5]»

Меҳону кеҳон пок бархостанд,
Забонҳо ба хубӣ биёростанд,

Ба Шопур-бар офарин хонданд,
Забарҷад ба тоҷаш барафшонданд.

Ҳамон[6] тоза шуд расми шоҳ Ардашер,
Бад-ӯ шод гаштанд барнову пир.

1. Л – фарҳангу баҳраш набошад
2. Л – лаҳ; И – сад
3. Л – хубиву; И – хониву
4. Л – шавад
5. Л кунанд аз ҷаҳонофарин.
6. И – Ҳама

www.sattor.com

РАЗМИ ШОПУР БО РУМИЁН

В-аз он пас пароканда гашт огаҳӣ,
Ки бекор шуд тахти шоҳаншаҳӣ,

Бимурд Ардашери хирадмандшоҳ,
Ба Шопур биспурд тахту кулоҳ.[1]

Хурӯше баромад зи ҳар марзу бум,
Зи Қайдофа баргашта шуд то ба[2] Рум.

Чу огоҳӣ омад ба Шопуршоҳ,
Биёрост кӯсу дурафшу сипоҳ.

Ҳаме ронд то пеши Болуина.
Сипоҳи сабук беҳаюну[3] буна.

Сипоҳе зи Қайдофа омад бурун,
Ки аз гард хуршед шуд тирагун,

Зи Болуина ҳамчунин лашкаре
Биёмад сипаҳдорашон меҳтаре.

Баронӯш буд номи он паҳлавон,
Саворе сарафрозу равшанравон,

Ки будӣ бари қайсарон арҷманд,
Камандафкану номдору[4] баланд.

Чу бархост овози кӯс аз ду рӯй,
Зи қалб андаромад гави номҷӯй.

В-аз ин сӯ бишуд номдоре далер,
Куҷо номи ӯ буд Гаршоспи шер.[5]3

1. Л – ганҷу сипоҳ.
2. Л – бардоштанд божи
3. Л – бетабору
4. Л – камандафкане номдоре
5. ТПЗ – Диловар саворе, ки гоҳи набард,
Чи ҳамкӯши ӯ жандапилу чи мард,
Ба овард ҳар ду баровехтанд,
Ҳаме хок бар ахтарон рехтанд.
Фаровон зи ҳар гуна ҷустанд кин,
На ин з-он ситӯҳ шуд, на низ он аз ин.

www.sattor.com

Баромад зи ҳар ду сипаҳ кӯсу ғав,
Бичунбид дар қалб Шопури гав.

Зи бас нолаи бӯқу ҳиндидарой
Ҳаме чархи моҳ андар омад зи ҷой.

Табира бубастанд бар пушти пил,
Ҳаме баршуд овози аспон[1] ду мил.

Замин ҷунб-ҷунбон шуду абр[2] гард,
Чу оташ дурахшон синони набард.

Равоне[3] куҷо бо хирад буд ҷуфт,
Ситора ҳаме борад аз абр[4] гуфт.

Баронӯши ҷангӣ ба қалб-ндарун
Гирифтор шуд бо диле пур зи хун.

В-аз он румиён кушта шуд се ҳазор
Ба Болунаи дар сафи корзор.

Ҳазору ду сесад гирифтор шуд,
Дили румиён пур зи тимор шуд.

Фиристод қайсар яке ёдгир
Ба наздики Шопуршоҳ Ардашер,

Ки чандин ту аз баҳри динор хун
Бирезӣ ту бо довари раҳнамун?

Чӣ гӯӣ, чу пурсад-т рӯзи шумор,
Чӣ пӯзиш кунӣ пеши парвардгор?

Фиристем боже чунон ҳам, ки буд,
Бар ин низ дарде набояд фузуд.

Ҳамон низ бо бож фармон кунем,
Зи хешон фаровон гаравгон кунем.

Саранҷом лашкар ҳама ҳамгурӯҳ,
Ба ҳам баршикастанд чун кӯҳ-кӯҳ.

1. Л – пур зи
2. Л – овозашон бар
3. Л – Забоне
4. ИЛ – чарх

www.sattor.com

Зи Болуина бозгардӣ, равост,
Фиристем бо бож, ҳар ч-ат ҳавост.

Ҳаме буд Шопур то божу сов
Фиристода қайсар даҳ анбони гов.[1]

Ғулому парастори румӣ ҳазор,
Гаронмоя дебо на андар[2] шумор.[3]

Ба Болуина-дар бибуд рӯз ҳафт,
Зи Рум андаромад, ба Аҳвоз рафт.

Яке шорсон ном Шопур кард,
Ки гӯянд бо дод Шопургард.[4]

Ҳаме бурд як сол аз он[5] шаҳр[6] ранҷ,
Бипардахт бо ранҷ бисёр ганҷ,[7]

Ба Порс-андарун шорсони баланд,
Баровард покизаву судманд.

Дари хузиён дорад ин буму бар,
Ки доранд ҳар кас бар ӯ-бар гузар.

Куҳандиж ба шаҳри Нишопур кард,
Бароварду пардахт аз рӯзи ард.

Ҳаме бурд ҳар сӯ Баронӯшро,
Бад-ӯ доштӣ дар сухан гӯшро,

Яке рӯд буд паҳн дар Шустар,
Ки моҳӣ накардӣ бар ӯ-бар гузар.

Баронӯшро гуфт, гар ҳандасӣ,
Пуле созӣ, он ҷойгаҳ чун расӣ,

1. ТПЗ – Пур аз зарри динорҳо қайсарӣ,
Фузуда бад-ӯ чизҳо бартарӣ.
2. Л – фузун аз
3. И – б. 55, 56 нест.
4. Л – Бароварду пардахт аз ӯ рӯзи ард.
5. И – з-он
6. Л – он ҷо ба
7. ТПЗЛ – Яке шорсон кард ободбум,
Баровард баҳри асирони Рум.

www.sattor.com

Ки мо бозгардему ин пул ба ҷой
Бимонад ба доноии раҳнамой.

Бараш карда болои ин пул ҳазор,
Бихоҳӣ зи ганҷ, он чи хоҳӣ ба кор.

Ту аз дониши файласуфони Рум
Ба кор ор чанде бад-ин марзу бум.

Чу ин пул барояд, сӯи хони хеш
Бирав, то зиӣ, бош меҳмони хеш.

Або шодмониву бо эманӣ,
Зи бад дуру аз дасти[1] оҳарманӣ.

Ба кор андар омад Баронӯш мард,
Ба се сол он пул тамомӣ бикард.[2]

Чу шуд пул тамом, ӯ зи Шустар бирафт,
Сӯи хони худ рӯй бинҳод тафт.

АНДАРЗ КАРДАНИ ШОПУР ПИСАРИ ХУД УРМУЗДРО

Ҳаме буд Шопур бододу рой,
Баландахтару тахти шоҳӣ ба ҷой.

Чу сӣ сол бугзашту бар сар ду моҳ,
Пароканда шуд фарру авранди шоҳ.

Бифармуд, то рафт пеш Урмузд,
Бад-ӯ гуфт: «Шуд зард рӯи фурузд.

Ту бедор бошу ҷаҳондор бош,
Абар дод[3] ҳамвора солор[4] бош.

1. И – кеши
2. И – б. 71 нест.
3. И – Бари дода
4. Л – Ҷаҳондидагонро харидор

www.sattor.com

Нигар, то ба шоҳӣ надорӣ умед,
Бихон рӯзу шаб дафтари Ҷамшед.

Ба ҷуз доду некӣ макун дар ҷаҳон,
Паноҳи кеҳон бошу фарри[1] меҳон.

Ба динор кам нозу бахшанда бош,
Ҳамон доддеҳ бошу фархунда бош.

Мазан бар камозор бонги баланд,
Чу хоҳӣ, ки бахтат бувад ёрманд.

Ҳама панди ман сарбасар ёд гир,
Чунон ҳам ки ман дорам аз Ардашер.

Бигуфт ину ранги рухаш зард гашт,
Дили марди барно пур аз дард гашт.

Чӣ созӣ ҳаме з-ин савои сипанҷ,
Чӣ нозӣ ба ному чӣ ёзӣ[2] ба ганҷ!?

Туро тангтобут бахр асту бас,
Хӯрад ранҷи ту носазовор кас.

Нагирад[3] зи ту ёд фарзанди ту,
На хешони наздику[4] пайванди ту.

Зи мерос дашном ёбӣ ту бахр,
Ҳама заҳр шуд посухи пойзаҳр.

Ба Яздон гирову сухан з-ӯ физой,
Ки ӯяст некидеҳу[5] раҳнамой.

Дуруд аз ту[6] бар гӯри пайғамбараш,
Ки салвот тоҷ аст бар минбараш.[7]

1. Л – рушти
2. ИЛ – нозӣ
3. Л – Бигирад
4. Ба наздики хешону
5. Л – рӯзидеҳу
6. Л – Дуруди ту
7. И – Пас аз б. омада:

Муҳаммад расули Худову амин,
Ки роҳи мусулмонӣ овардy дин.

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ УРМУЗДИ ШОПУР

Як солу ду моҳ буд

Сари гоҳу дайҳими шоҳ Урмузд
Биёроям акнун чу моҳ Урмузд.

Зи шоҳӣ бар ӯ ҳеҷ товон набуд,
Бад-он буд, ки аҳдаш фаровон набуд.

Чу биншаст шоҳ Урмузди бузург,
Ба обишхур омад ҳаме мешу гург.

Чунин гуфт, к-«Эй[1] номвар бихрадон,
Ҷаҳондидаву коркарда[2] радон.

Чу Яздони некидиҳиш некувӣ
Ба мо доду[3] тоҷи сари хусравӣ.

Бикӯшем, то нек[4] орему дод,
Хунук он, ки панди падар кард ёд.

Ба некӣ кунам вижа анбозатон,
Нахоҳам, ки бе ман бувад розатон.

Бидонед, к-он кас, ки саркаш бувад,
Бари меҳтарон сахт нох(в)аш бувад.

Ситеза бувад мардро пешрав,
Бимонад ниёзаш ҳамасола нав.

Ҳамон рашки шамшер нодон бувад,
Ҳамеша бар ӯ бахт хандон бувад.

В-агар ҳар кӣ дорад зи ҳар кор нанг,
Бувад зиндагониву рӯзиш танг.

Дари оз бошад дили сифламард,
Бари сифлагон, то тавонӣ, магард.

---

1. Л – бо
2. И – кордида
3. Л – дод
4. Л – некӣ

www.sattor.com

Ҳар он кас, ки дониш наёбӣ бараш,
Макун раҳгузар то зиӣ[1] бар дараш.[2]

Дилат дор зинда ба фарҳангу ҳуш,
Ба бад дар ҷаҳон, то тавонӣ, макӯш.

Хирад ҳамчу об асту дониш замин,
Бидон, к-ин ҷудо в-он ҷудо нест з-ин.

Дили шоҳ, к-аз меҳр дурӣ гирифт,
Агар тира гардад, набошад шигифт.

Ҳар он кас, ки бошад маро зердаст,
Ҳама шодмон боду яздонпараст.

Ба хушнудии кирдгори ҷаҳон
Хирад ёр бод ошкору ниҳон.

Хирадманд бо мардуми порсо
Чу ҷое сухан ронад аз подшо.

Ҳама сахта бояд, ки ронад сухан,
Ки гуфтори некӯ нагардад куҳан,

Набояд, ки гӯӣ ба ҷуз некувӣ,
В-агар бад саройд касе, нашнавӣ.

Бубинад дили подшо рози ту,
Ҳамон бишнавад гӯшаш овози ту.

Чӣ гуфт он сухангӯи посухниюш,
Ки девор дорад ба гуфтор гӯш.

Ҳама анҷуман хонданд офарин
Бар он шоҳи бинодили покдин.

Пароканда гашт он бузург анҷуман,
Ҳама шод аз он[3] сарви сояфикан.

Ҳамон расми Шопури шоҳ Ардашер
Ҳаме дошт он шоҳи донишпазир.

---

1. Л – зияд
2. ТПЗЛ – Ба марди хирадманду фарҳангу рой,
   Бувад ҷовидон тахти шоҳӣ ба ҷой.
3. ИЛ – з-он

www.sattor.com

Ҷаҳоне саросар бад-ӯ гашт шод,
Ҳаме дошт он шоҳи бобахшу дод.

Ҳаме ронд бо шарму бо дод кор,
Чунин то баромад бад-ин рӯзгор.

Бигустурд кофур бар ҷойи мушк,
Гули арғувон шуд ба полез хушк.

АНДАРЗ КАРДАНИ УРМУЗД ВА МУРДАН

Чу донист, к-аз марг натвон гурехт,
Басе оби хунин зи наргис[1] бирехт.[2]

Бигустурд фарш андар айвони хеш,
Бифармуд, то рафт[3] Баҳром пеш.

Бад-ӯ, гуфт к-: «Эй покзода писар,
Ба мардиву дониш бароварда сар,

Ба ман нотавонӣ ниҳодаст рӯй,
Ки ранги рухам кард ҳамранги мӯй.

Хам оварддд болои сарви саҳӣ,
Гули сурх бигрифт[4] ранги биҳӣ.

Чу рӯзи ту ояд, ҷаҳондор бош,
Хирадманд бошу беозор бош.

Нигар, то напечӣ сар аз додгоҳ,
Набахшӣ ситамгорагонро гуноҳ.

Забонро магардон ба гирди дурӯғ.
Чу хоҳӣ, ки тоҷ аз ту гирад фурӯғ.

Равонат хирад боду дастур шарм,
Сухан гуфтанат хубу овоз нарм.

Худованди пирӯз ёри ту бод,
Дили зердастон шикори ту бод!

1. Л – зи мижгон
2. ТПЗ – Писар буд мар ӯро яке хешком,
Хирадманд хондиш Баҳром ном.
3. Л – к-ояд-ш
4. Л – сурхро дод

www.sattor.com

Бинеҳ кинаву дур бош аз ҳаво,
Мабодо ҳаво бар ту фармонраво.

Суханчину бедонишу чорагар
Набояд, ки ёбанд пешат гузар.

Зи нодон наёбӣ ба ҷуз бадтарӣ,
Нигар, сӯи бедонишон нангарӣ.

Чунон дон, ки бешарму бисёргӯй
Надорад ба назди касон[1] обрӯй.

Хирадро меҳу хашмро банда дор,
Машав тез бо марди парҳезгор.

Нигар, то нагардад ба гирди ту оз,
Ки оз оварад хашму биму ниёз.

Ҳама бурдборӣ куну ростӣ,
Ҷудо кун зи дил кажживу костӣ.

Бипарҳез, то бад нагардад-т ном,
Ки бадном гетӣ набинад ба ком.

Зи роҳи хирад ҳеҷ гуна матоб,
Пушаймонӣ орад дилатро шитоб.

Диранг оварад ростиҳо падид,
Зи роҳи ҳунар сар набояд кашид.

Сари бурдборон наёяд ба хашм,
Зи нобурданиҳо битобанд чашм.

В-агар[2] бурдборӣ зи ҳад бугзарад,
Диловар[3] гумоне ба сустӣ барад.

Ҳар он кас, ки бошад худованди гоҳ,
Миёнҷӣ хирадро кунад бар ду роҳ.

На тезӣ, на сустӣ ба кор-андарун,
Хирад бод ҷони туро раҳнамун.

---

1. Л – Нагирад ба назди касе: И – касе
2. Л – Магар
3. Л – Дили ӯ

www.sattor.com

Нигаҳ дор то мардуми айбҷӯй
Наҷӯяд зи кирдори шоҳ обрӯй.[1]

Зи душман макун дӯстӣ хостор,
В-агарчанд хонад туро шаҳрёр.

Дарахте бувад сабзу бораш кабаст,
Агар пой гирӣ, сар ояд ба даст.

Агар дар фарозиву гар дар нишеб,
Набояд ниҳодан сар андар фиреб.

Ба дил низ андешаи бад мадор,
Бадандешро бад бувад рӯзгор.

Сипаҳбад куҷо гашт паймоншикан,
Бихандад бар ӯ номдор анҷуман.

Хирад гир, к-оройиши кори туст,[2]
Нигаҳдори гуфтору кирдори туст.[3]

Ҳам оройиши ганҷу тоҷу сипоҳ,
Намояндаи гардиши ҳуру моҳ.

Нигар, то насозӣ ту бо нозу ганҷ,
Ки бар ту сар ояд сарои сипанҷ,

Мазан рой ҷуз бо хирадманд мард,
Зи оини шоҳони пешин магард.

Ба лашкар битарсон бадандешро,
Ба жарфӣ нигаҳ кун пасу пешро.

Ситояндае, к-ӯ зи баҳри ҳаво
Ситояд касеро ҳаме носазо,

Шикасти ту ҷӯяд ҳам аз он сухан,
Мамон, то ба пеши ту гардад куҳан.

Касе, к-аш ситоиш наёяд ба кор,
Ту ӯро зи гетӣ ба мардум[4] мадор,

1. И – чоҳ
2. Л – ҷон бувад; И – ҷони туст.
3. Л – паймон бувад. И – паймони туст.
4. И – ба гетӣ зи мардум

www.sattor.com

Ки Яздон ситоиш бихоҳад ҳаме,
Накӯҳандаро дил бикоҳад ҳаме.

Ҳар он кас, ки ӯ аз гунаҳгор чашм
Бихобиду осон фурӯ хӯрд хашм,

Фузуниш ҳар рӯз афзун шавад,
Шитоб оварад, дил пур аз хун шавад.

Ҳар он кас, ки аз[1] оби дарё набард
Бичӯяд, набошад хирадманд мард.

Камон дор дилро, забонат чу тир,
Ту ин достони ман осон магир.

Кушода барат бошаду рост рост,
Нишона бинеҳ з-он нишон, к-ат ҳавост.

Забону дилат бо хирад рост кун,
Ҳаме рон аз он сон, ки хоҳӣ сухун.

Ҳар он кас, ки андар сараш мағз буд,
Ҳама рою гуфтори ӯ нағз буд.

Ҳар он гаҳ ки бошӣ ту бо ройзан,
Суханҳо биёрой бо анҷуман,

Гарат рой бо озмоиш бувад,
Ҳама рӯзат андар физоиш бувад,

Шавад[2] ҷонат аз душман ожиртар,[3]
Дилу мағзу роят ҷаҳонгиртар.[4]

Касеро куҷо пешрав шуд ҳаво,
Чунон дон, ки рояш нагирад наво.

Агар дӯст бошад туро тозарӯй,
Бияфзоядаш нозишу рангу бӯй.

1. ИЛ – бо
2. Л – Тану
3. Л – ожир дор,
4. Л – ҷаҳонгир дор.

www.sattor.com

Ту бо душманат рух пурожанг[1] дор,
Бадандешро чеҳра беранг дор.

Ба арзониён бахш, ҳар ч-ат ҳавост,
Ки ганҷи ту арзониёнро сазост.

Бикаш ҷону дил, то тавонӣ, зи рашк,
Ки рашк оварад гарму хунин сиришк.

Ҳар он гаҳ ки рашк оварад подшо,
Накӯҳиш кунад мардуми порсо».[2]

Чу андарз бинбишт фаррух дабир,
Биёварду бинҳод пешаш[3] вазир.

Ҷаҳондор барзад яке боди сард,
Шуд он лаъли рухсор[4] чун барги зард.

Чу рангин рухи шоҳ зарфом гашт,
Аз он дарду ғам баҳри Баҳром гашт.

Чиҳил рӯз шуд[5] сӯгвору нажанд,
Пур аз гарду бекор тахти баланд.

Чунин буд, то буд, гардонсипеҳр,
Гаҳе пур зи дарду гаҳе пур зи меҳр.[6]

Шаби Урмузд омад аз моҳи дай,
Зи гуфтан биёсою бардор май.

---

1. Л – ба ожанг
2. ТПЗ – Яке солу ду моҳ бар тахт беш
   Набудам, надонистам ин роз пеш.
   Гумонам чунон буд, ки то солиён
   Бимонад ба ман тоҷу тахти каён.
   Кунун рӯзгори ман омад ба сар,
   Туро баст бояд ба шоҳӣ камар.
3. ИЛ – пеши
4. И – лаълрухсора
5. Л – буд
6. ТПЗЛ – Ту гар боҳушӣ, машмар ӯро ба дӯст,
   Ки чун даст ёбад, бидаррад-т пӯст.

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ БАҲРОМИ УРМУЗД

Се солу се моҳу се рӯз буд

БАР ТАХТ НИШАСТАНИ БАҲРОМ ВА АНДАРЗ КАРДАН БА САРДОРОН ВА СИПАРӢ ШУДАНИ РӮЗГОРАШ

Кунун кори дайҳими Баҳром соз,
Ки дар подшоҳӣ намонд ӯ дароз.

Чу Баҳром биншаст бар тахти зар,
Дилу мағз ҷӯшон зи дарди[1] падар.[2]

Ҳама номдорони эрониён
Бирафтанд гирён камар бар миён.

Бар ӯ хонданд офарини Худой,
Ки то ҷой бошад, ту монӣ ба ҷой.

Ки тоҷи каӣ торакатро сазост,
Падар бар падар тоҷи шоҳӣ туроcт.

Рухи бадсиголони ту зард бод,
В-аз он рафта ҷони ту бедард бод!

Чунин дод посух, ки эй меҳтарон,
Саворони[3] ҷангиву кундоварон,

Зи деҳқону аз[4] марди хусравпараст,
Ба гетӣ сӯи бад маёзед[5] даст.

Бубинед,[6] к-ин чархи нопойдор
На парварда донад, на парвардгор.

1. Л – пурдарди марги
2. ТПИЛ – Се солу се моҳу ба сар-бар се рӯз,
   Бад-ӯ шод буд тахти гетифирӯз.
3. Л – Сарафроз
4. Л – в-аз
5. Л – Зи гетӣ сӯи бад маёред
6. Л – Набинед,

www.sattor.com

Саросар бубандед дасти ҳаво,
Ҳаворо мадоред фармонраво.[1]

Касе к-ӯ бипарҳезад аз бадкуниш,
Наёлояд андар бадиҳо танаш.[2]

Ба гетӣ-дарун шоду[3] хуррам бувад,
Ба рафтан зи душман абеғам[4] бувад.

Панохе бувад ганҷро подшо,
Навозандаи мардуми порсо.

Тани шоҳ динро[5] паноҳе бувад,
Ки дин бар сари ӯ кулоҳе бувад.[6]

Хунук он ки дар хашм ҳушёртар.
Ҳамон бар замин ӯ беозортар.

Гаҳи тангдастӣ[7] дилаш шоду род,
Ҷаҳон бе тани марди доно мабод,

Ки[8] бар душмане-бар тавоно бувад,
Ба пай наспарад[9] вижа[10] доно бувад.[11]

Ситеза на хуб ояд аз номҷӯй,
Бипарҳезу гирди ситеза мапӯй.

Сипоҳиву деҳқону бекор[12] шоҳ,
Чунон дон, ки ҳар се надоранд роҳ.

---

1. ТП – Ҳаво мардро хору бебар кунад,
Ба гетиш чун мурғи бепар кунад.
2. Л – маниш.
3. Л – Бад-ин гетияш рӯз
4. Л – Гаҳи рафтан аз хаст беғам; И – хасмон-ш беғам
5. И – шоҳро дин
6. ТП – Паноҳе беҳ аз дин набошад ҳаме
Абедин нашояд туро зад даме.
7. Л – дасттангӣ
8. ИЛ – Чу
9. И – биспарад
10. Л – биспарад марди
11. ТП – Ба доной андар ҷаҳон биспарад,
Ҳама сӯи дониш ҳаме бугзарад.
12. И – пайкори

www.sattor.com

Ба хоб[1] андар аст, он ки бекор гашт,
Пушаймон шавад, чун[2] ки бедор гашт.

Зи гуфтори некӯву кирдори зишт,
Ситоиш наёбиву хуррамбиҳишт.

Ҳама рост гӯеду[3] некӣ кунед,
Дили некпай мардумон машканед.

Маро ганҷу динори бисёр ҳаст,
Бузургиву шоҳиву нерӯи даст.

Хӯред он чи дореду онро, ки нест,
Бидонед, к-аз ганҷдорон якест.

Сари бадраи мо кушодаст боз,
Набояд, ки монад кас андар ниёз».

ТАХТ СУПУРДАНИ БАҲРОМИ УРМУЗД ПИСАРИ ХУДРО БАҲРОМИ БАҲРОМ ВА МУРДАН

Бар ӯ низ нагзашт рӯзи дароз,
Яке тоҷдор андаромад ба гоз.

Яке пур будаш, дилором буд,
Варо ном Баҳроми Баҳром буд.

Биёварду биншондаш[4] зери тахт,
Бад-ӯ гуфт, к-«Эй сабзшохи дарахт!

Набудам фаровон ман аз тоҷ шод,
Ҳама рӯзгори ту фархунда бод![5]

Сароянда бошу физоянда бош,
Шабу рӯз бо ромишу ханда бош.

1. Л – На хуб
2. Л – ҳар
3. Л – ном ҷӯеду
4. Л – биншонд дар
5. ТП – Накард эч бо ман вафо тоҷу тахт,
Ту фархунда бодиву фирӯзбахт.

www.sattor.com

Чунон рав, ки пурсад-т рӯзи шумор,
Напечӣ сар аз шарми парвардгор.[1]

Ба доду диҳиш гетӣ обод дор,
Дили зердастони худ шод дор,

Ки бар кас намонад ҷаҳон[2] ҷовидон,
Чи бар шаҳрёрон,[3] чи бар мӯбадон.

Чу Баҳром гетӣ ба Баҳром дод,
Писар мар варо дахма ором дод.

Ту аз чархи гардон мадон ин ситам,
Ҷуз аз бод чизе наёяд ба дам.[4]

Чунин буд, то буд, чархи равон,
Ба андеша ранҷа чӣ дорӣ равон?

Чӣ пӯӣ, чӣ ҷӯӣ, чӣ шояд будан?
Бар ин достонҳо нашояд задан.

Равонат камозору[5] фартут нест,
Нишасти[6] ту ҷуз тангтобут нест.

Агар марг дорад чунин табъи гург,
Пур аз май яке ҷом хоҳам бузург.

Яке сарвқаддеву симинбадан,
Дилому хушхӯву ширинсухан.

Суманбӯву зеборуху моҳрӯй,
Чу хуршед дидору чун мушк бӯй.[7]

---

1. ТПМ – Ҷаҳонро зи баҳри хӯриш сохтанд,
Зи беҳрой бешӣ напардохтанд.
Хӯреду диҳеду равон парваред,
Ба дасти хирад пойи бад бишкаред.
2. Л – намондаст ин
3. Л – тоҷдорон
4. И –б. 33 – 35 нест;
ТПЗ – Ба се солу се моҳу бар сар се рӯз,
Тиҳӣ гашт аз ӯ тахти гетифурӯз.
5. Л – гар аз оз
6. Л – Нишеми
7. И – б. 40, 41 нест.

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ БАҲРОМИ БАҲРОМ

Нуздаҳ сол буд

БАР ТАХТ НИШАСТАНИ БАҲРОМИ БАҲРОМ ВА АНДАРЗ КАРДАН БА САРДОРОН ВА МУРДАНАШ

Чу Баҳром дар сӯги Баҳромшоҳ
Чиҳил рӯз нанҳод бар сар кулоҳ,[1]

Бирафтанд гурдони бисёрҳуш
Пур аз дарду бо нолаву бо хурӯш.

Нишастанд бо ӯ бад-он сӯгу дард,
Ду рух зарду лабҳо шуда ложвард.

Аз он пас бишуд мӯбаде покрой,
Ки гирад магар шоҳ бар тахт ҷой.

Ба як ҳафта бо ӯ бикӯшид сахт,
Ҳаме буд то барнишаст ӯ ба тахт.

Чу биншаст бар тахт Баҳром шод,[2]
Ба расми каӣ тоҷ бар сар ниҳод.

Нахуст офарин кард бар Кирдгор,
Фурӯзандаи гардиши рӯзгор.

Физояндаи донишу ростӣ,
Газояндаи кажживу костӣ.

Худованди кайвону гардонсипеҳр,
Зи банда нахоҳад ҷуз аз доду меҳр.

В-аз он пас чунин гуфт, к-«Эй бихрадон,
Ҷаҳондидаву покдил мӯбадон!

1. Л – пеш аз б. ин б. омада:
Кунун кори Баҳроми Баҳром гӯй,
Ки ин чарх гардон-ст бар сони гӯй.
2. ТПМ – Бикӯшеду некӣ ба ҷой оваред.
Ҳаме шодии шоҳи Эрон харед.

www.sattor.com

Шумо низ доред дониш бузург,
Мабошед бо шаҳрёрон сутург.

Касеро, ки Яздон фузунӣ диҳад,
Сухандониву раҳнамунӣ диҳад.[1]

Ба фарҳанг ёзад касе к-аш хирад,
Бувад дар сару мардумӣ парварад.

Сари мардумӣ бурдборӣ бувад,
Чу тезӣ кунӣ, тан ба хорӣ бувад.[2]

Ҳар он кас, ки гашт эмину шод гашт,
Ғаму ранҷ бо эминӣ бод гашт.

Тавонгартар он, к-ӯ диле род дошт,
Дирам гирд кардан ба дил бод дошт.

Агар нест чизат,[3] ту лахте биварз,
Ки бе чиз будан надорӣ ту[4] арз.

Мурувват наёбӣ, гарат[5] чиз нест,
Ҳамон чора назди касаш низ нест.

Чу хушнуд гардӣ, таносон шавӣ,
В-агар оз варзӣ, ҳаросон шавӣ.

На кӯшидане, к-он[6] тан орад ба ранҷ,
Равонро бипечонӣ аз ози ганҷ.

Зи кори замона миёна гузин,
Чу хоҳӣ, ки ёбӣ зи Ҳақ[7] офарин,

---

1. ТПМ – Ҳама кор бо бахшишу дод бод,
Ҳама гетӣ аз дод обод бод.
Мабодо, ки бедод дам барзанем,
В-агар аз пайи оз ганҷ оганем.
Маро ганҷ аз баҳри бахшиш бувад,
Ки шаҳро зи некӣ дурахшиш бувад.
2. ТПМ – Зи гетӣ нагардад туро бахт ром,
Зи тундиву тезӣ наёбӣ ту ком.
3. Л – чизе,
4. Л – на рой дорӣ на
5. Л – наёяд агар
6. Л – к-ӯ
7. Л – халқ

www.sattor.com

Чу хушнуд дорӣ кеҳонро[1] ба дод,
Тавонгар бимониву аз дод шод.

Ҳама эминӣ бояду ростӣ,
Набояд ба дод-андарун костӣ.

В-агар оз гирад дилатро ба ҷанг,
Бимонад равонат ба коми наҳанг.

Чу шоҳе[2] ба коме бикоҳад равон,
Хирад гардад андар миён нотавон.

Чунин аст оини чархи равон,
Тавоно ба ҳар кору мо[3] нотавон.[4]

Чу шуд подшоҳиш бар сол бист,
Яке кам бар ӯ зиндагонӣ гирист.

Шуд он тоҷваршоҳ бо хок ҷуфт,
Зи хуррамҷаҳон дахма будаш нуҳуфт.

Ҷаҳонро чунин аст оину шон,[5]
Ҳамеша ба мо роз дорад ниҳон.[6]

---

1. ИЛ – ҷаҳонро
2. Л – шодӣ
3. Л – тавонист ӯ, гар туӣ
4. И – Тавонист ӯ, гар туӣ бетавон;
   ТП – Ҳаме ронд шоҳӣ ба оину дод,
   Дили зердастонаш аз дод шод.
5. Л – сон,
6. Л – рози ӯ норасон.

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ БАҲРОМИ БАҲРОМИЁН

Чаҳор моҳ буд

БАР ТАХТ НИШАСТАНИ БАҲРОМИ БАҲРОМИЁН ВА МУРДАНАШ ПАС АЗ ЧАҲОР МОҲ

Чу биншаст Баҳроми Баҳромиён,
Бубаст аз пайи доду бахшиш миён.

Ба тоҷаш забарҷад барафшонданд,
Ҳаме ном кирмоншаҳаш хонданд.

Чунин гуфт, к-аз додгар як Худой
Хирад бодамон баҳраву доду рой![1]

Сарои сипанҷӣ намонад ба кас,
Туро некувӣ бод фарёдрас.

Ба некӣ гироему паймон кунем,
Ба доду диҳиш тан[2] гаравгон кунем,

Ки хубиву зиштӣ зи мо ёдгор
Бимонад, ту ҷуз тухми некӣ макор.

Чу шуд подшоҳиш бар чор моҳ,
Бар ӯ зор бигрист тахту кулоҳ.

Чу Баҳром донист, к-омад-ш марг,
Наҳанге куҷо бишкарад пилу карг.

Ҷаҳонро ба фарзанд биспурду гуфт,
Ки бо меҳтарит офарин бод ҷуфт,

---

1. ТПМ – Чу фаррухпадар кард некӣ ҳама,
Ки ӯ чун шубон буду шоҳон рама.
Маро низ ҳам некуӣ пеша дод,
Ҳама хубиву додам андеша дод.
Мабодо, ки кажжӣ дорорам ба кор,
Ки шармандагӣ ёбам аз Кирдгор.

2. ИЛ – дил

www.sattor.com

Бинӯшу бипӯшу бинозу бибахш,
Макун рӯз бо тоҷу бо тахт дахш.

Чу баргашт Баҳромро фарру бахт,
Ба Нарсӣ супурд он замон тоҷу тахт.[1]

Замона бад-ин сон ҳаме бугзарад,
Нафас мардуми озвар нашмарад.

Майи лаъл пеш ор, эй рӯзбе!
Ки шуд соли гӯянда бар шасту се.

1. ТПЗМ – Чунин асту инро беандоза дон,
Газофи фалак ҳар замон тоза дон.
Баровард бодеву ночиз шуд,
Ба дахма-дарун ҷойи ӯ низ шуд*.

* Дар 3 танҳо б. 1 мавҷуд аст.

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ НАРСИИ БАҲРОМ

Нӯҳ сол буд

БАР ТАХТ НИШАСТАНИ НАРСӢ ВА ПАНД ГУФТАН БА ПИСАР ВА СИПАРӢ ШУДАНИ РӮЗГОРАШ

Чу Нарсӣ нишаст аз бари тахти оҷ,
Ба сар барниҳод он сарафроз тоҷ.

Ҳама меҳтарон бо нисор омаданд,
Зи дарди падар[1] сӯгвор омаданд.

Бар эшон сипаҳдор кард офарин,
Ки: «Эй меҳрубонони бододу дин,

Бидонед, к-аз Кирдгори ҷаҳон
Чунин рафт кор ошкору ниҳон,

Ки моро зи гетӣ хирад доду шарм,
Ҷавонмардиву рою овози нарм.

Гар аз ахтарам безиёнӣ бувад,
Шуморо зи ман шодмонӣ бувад.

Хирадманд мардум туро дӯст гашт,
Чунон дон, ки бо ту зи як пӯст гашт.

Ту кирдори хуб аз тавоно шинос,
Хирад низ[2] наздики доно шинос.

Далерӣ зи ҳушёр будан бувад,
Диловар ба ҷойи ситудан бувад.

Ҳар он кас, ки бугрезад аз коркард,
Аз ӯ дур шуд ному нанги набард.[3]

---

1. Л – ар
2. И – Хирадро ба
3. И – хобу орому х(в)ард.

www.sattor.com

Ҳамон коҳилӣ мардум аз баддилист,
Ҳамовоз бо баддилӣ[1] коҳилист.

Ҳаме зист нӯҳ сол бо рою панд,
Ҷаҳонро сухан гуфтанаш судманд.

Чу рӯзаш фароз омаду бахт шум,
Шуд он тарги пӯлод бар сар чу[2] мум.

Давон шуд ба болини шаҳ Урмузд,
Ба рахшонии[3] лола андар фурузд,

Ки фарзанди он номвар шоҳ буд,
Фурӯзон чу дар тирашаб моҳ буд.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй ноздида ҷавон,
Мабар даст сӯи бадӣ, то тавон.

Туӣ ҷони Нарсиву Баҳроми бахт,
Сазовори тоҷиву зебои тахт.[4]

Бад-ин бурзи болову ин[5] фарру ёл
Ба ҳар дониш аз ҳар касе беҳамол.[6]

Мабодо, ки тоҷ аз ту гирён шавад,
Дили анҷуман аз ту бирён шавад.

Ҷаҳонро ба оини шоҳӣ бидор,
Чу омухтӣ аз покпарвардгор.[7]

Ба фарҷом рӯзи ту ҳам бугзарад,
Сипеҳри равонат ба пай биспарад.

1. Л – баддилон
2. Л – бар сони
3. Л – рухсор чун
4. Л – б. 17 нест.
5. Л – он
6. Л – донишӣ ҳар касеро ҳамол.
7. ТПМ – Ҳамеша равону дилат шод бод,
Бузургиву ганҷи ту обод бод.

www.sattor.com

Чунон рав, ки пурсад-т, посух кунӣ,
Ба посухгарӣ рӯз фаррух кунӣ.

Бигуфт ину чодар ба рух даркашид,
Яке боди сард аз ҷигар баркашид.

Ҳамон рӯз гуфтӣ, ки Нарсӣ набуд,
Варо тоҷу[1] дайҳиму курсӣ набуд.

Чунин аст ин роз, дидор[2] нест,
Туро баҳра ҷуз гурму тимор нест.

1. ИЛ – Ҳамон тахту
2. Л – асту розаш падидор

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ УРМУЗДИ НАРСӢ

Нӯҳ сол буд

БАР ТАХТ НИШАСТАНИ УРМУЗД – ПИСАРИ НАРСӢ ВА СИПАРӢ ШУДАНИ РӮЗГОРАШ

Чу бар гоҳ рафт Урмузди бузург,
Зи нахчир кӯтоҳ шуд чанги гург.

Ҷаҳонро ҳаме дошт бо эманӣ,
Ниҳон гашт кирдори аҳриманӣ.

Нахуст офарин кард бар Кирдгор,
Тавонову донову парвардгор.

«Шабу рӯзу гардонсипеҳр офарид,
Чу кайвону баҳрому меҳр офарид.

В-аз ӯяст пирӯзиву фарраҳӣ,
Дили[1] доду дайҳими шоҳаншаҳӣ.

Ҳамеша дили мо пур аз дод бод,
Дили зердастони мо шод бод!

Ситоиш наёбад сари сифламард,[2]
Бари сифлагон, то тавонӣ, магард.

Мазан низ бо марди бадхоҳ рой,
Агар пандгирӣ, ба некӣ гирой.

Зи бахшиш ҳар он кас, ки ҷӯяд сипос,
Нахонад-ш бахшанда яздоншинос.

Ситоянда, к-ӯ бесипос[3] аст низ,
Сазад, гар надорад кас ӯро ба чиз.

---

1. И – Дилу
2. Л – бари сифламард,
3. Л – Ситонанда к-ӯ носипос

www.sattor.com

Ҳаросон бувад мардуми сахткор,
Ки ӯро набошад касе дӯстдор.

В-агар сустӣ орад ба кор-андарун,
Нахонад варо ройзан раҳнамун.

Гар аз коҳилон ёр хоҳӣ ба кор,
Набошӣ ҷаҳонҷӯву мардумшумор.

Нигар, хештанро надорӣ бузург,
В-агар гоҳ ёбӣ, нагардӣ сутург.

Чу бадхӯ шавад марди дарвешу хор,
Ҳаме бинад он аз бади рӯзгор.

Ҳамасола бекору нолон зи бахт,
На рою на дониш, на зебои тахт.

В-агар боз гиранд аз ӯ хоста,
Шавад ҷону мағзу дилаш коста.

Ба бечизиву бадхуӣ созад ӯ,[1]
Надорад хирад, гардан афрозад ӯ.[2]

На чизу на дониш, на рою ҳунар,[3]
На дину на хушнудии[4] додгар.

Шуморо шабу рӯз фархунда бод,
Бадандешро ҷон зи тан канда бод».

Бар ӯ меҳтарон офарин сохтанд,[5]
Зи гуфтори ӯ сар барафрохтанд.[6]

Чу нӯҳ сол бигзашт бар сар сипеҳр,
Гули зард гашт он чу гулнор чеҳр.

---

1. Л – ёзад ӯй,
2. Л – ӯй.
3. И – на фар,
4. И – хушнуд аз
5. И – хонданд,
6. Л – Чу аз сӯги шоҳон бипардохтанд.
   И – Худ аз сӯги шоҳон бипардохтанд.

www.sattor.com

Ғамӣ шуд зи марг он сари тоҷвар,
Бимурду ба болин набудаш писар.

Шуд он номвар марди ширинсухан
Ба наввӣ бишуд з-ин сарои куҳан,[1]

Чиҳил рӯз сӯгаш ҳаме доштанд,
Сари гоҳи ӯ хор бугзоштанд.

1. ИЛ – Пас аз б. 24 ин б. омада:
Чунин буд, то буд чархи равон,
Тавоно ба ҳар кору мо нотавон.

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ ШОПУРИ ЗУЛАКТОФ

Ҳафтоду ду сол буд

ЗОДАНИ ШОПУРИ УРМУЗД ЧИҲИЛ РӮЗ ПАС АЗ МАРГИ ПАДАР ВА ТОҶВАР ШУДАНАШ

Ба чандин замон тахт бекор буд,
Сари меҳтарон пур зи тимор буд.

Нигаҳ кард мӯбад шабистони шоҳ,
Яке лоларух буд[1] тобон чу моҳ.

Сари мижжа чун ханҷари кобулӣ,
Ду зулфаш чу печонхати бобулӣ.[2]

Мусалсал як андар дигар бофта,
Гиреҳ барзада, сар-ш бартофта.

Паричеҳраро бачча буд дар ниҳон,
Аз он хубрух шодмон шуд ҷаҳон.

Ба сар-бар-ш тоҷе биёвехтанд,[3]
Бар он тоҷ зарру[4] дирам рехтанд.[5]

Басе барнаёмад, к-аз он[6] хубчеҳр
Яке кӯдак омад чу тобанда меҳр.

Сароянда деҳқони мӯбаднажод
Аз ин достонам чунин дод ёд,[7]

Ки мӯбад варо[8] ном Шопур кард,
Бад-он шодмонӣ яке сур кард.

---

1. ИЛ – дид
2. И - зобулӣ.
3. ИЛ – баровехтанд,
4. Л – тоҷи заррин
5. ТПЗ – Биёвард мӯбад варо шодмон,
   Нишондаш бар афрози тахти каён.
6. Л – Чиҳил рӯз бугзашт, з-ин
7. Л – б. 8 нест.
8. Л – Варо мӯбадаш

www.sattor.com

Ту гуфтӣ, ҳама фарраи эзадист,
Бар ӯ сояи[1] рояти бихрадист.

Чиҳил рӯз шуд, руду май хостанд,
Яке тахти шоҳӣ биёростанд.

Бирафтанд гурдони зарринкамар,
Биёвехтанд аз бараш тоҷи зар.

Чу он хурдро сер доданд шир,
Наваштандаш андар миёни ҳарир.

Чиҳилрӯзаро зери он тоҷи зар
Ниҳоданд бар тахти фаррухпадар.

Ба шоҳӣ бар ӯ офарин хонданд,
Ҳама меҳтарон гавҳар афшонданд.

Яке мӯбаде буд, Маҳрӯй ном,
Хирадманду шоиставу шодком.

Биёмад, ба курсии зар барнишаст,
Миён пеши ӯ бандагиро бубаст.

Ҷаҳонро ҳама дошт бо доду рой,
Сипаҳро ба ҳар некувӣ раҳнамой.

Биёганд ганҷу сипоҳи варо,
Биёрост айвону гоҳи варо.

Чунин то баромад бар ин панҷ сол,
Барафрохт он кӯдакӣ фарру[2] ёл.

Нишаста шабе шоҳ дар Тайсафун,
Хирадманд мӯбад ба[3] пеш-андарун.

Бад-он гаҳ, ки хуршед баргашт зард,
Падид омад он чодари ложвард.

Хурӯш омад аз роҳи Арвандрӯд,
Ба мӯбад чунин гуфт: «Ҳаст ин дуруд?»

1. ИЛ – сояву
2. И – кӯдаки хурд
3. Л – мӯбад-ш

www.sattor.com

Чунин гуфт мӯбад бад-он шоҳи хурд,
Ки эй некдил, некпай шоҳи гурд,

Кунун марди бозориву чораҷӯй
Зи кулба сӯи хона доранд рӯй.

Чу бар Даҷла як бар дигар бугзаранд,
Чунон тангпулро ба пай биспаранд,

Битарсад ҳаме ҳар кас аз бими об,
Чунин бархурӯшад, ки гирад шитоб.[1]

Чунин гуфт Шопур бо мӯбадон,
Ки «Эй роҳбар номвар бихрадон,

Яке пули дигар бибояд задан,
Шуданро яке роҳу боз омадан.

Бад-он то чунин зердастони мо
Гар аз лашкарӣ в-ар парастони[2] мо,

Ба рафтан наёянд[3] аз ин сон ба ранҷ,
Дирам дод бояд фаровон зи ганҷ.

Ҳама мӯбадон шод гаштанд сахт,
Ки сабз омад ин норасида дарахт.

Яке пул бифармуд мӯбад дигар
Ба фармони он кӯдаки тоҷвар.

В-аз ӯ шодмон шуд дили модараш,
Биёвард фарҳангҷӯён бараш.

Ба зудӣ ба фарҳанг ҷое расид,
К-аз омӯзгорон сар андаркашид.

Чу бар ҳафт шуд, расми майдон ниҳод,
Ҳам оварду ҳам расми чавгон ниҳод.

---

1. ТПЛ – Битарсад чунин ҳар кас аз захми кӯс,
Ҳаме бархурӯшанд ҳамчун хурӯс.
2. ИЛ – лашкару дарпарастони
3. ИЛ – набошад

www.sattor.com

Ба ҳаштум шуд оини тахту кулоҳ,
Ту гуфтӣ, ки ӯяст Баҳромшоҳ,

Тани хешро аз дари фахр кард,
Нишастангаҳи хеш[1] Истахр кард.

Бар оини фаррух ниёкони хеш,
Гузида сарафрозу покони хеш.

БУРДАНИ ТОИРИ АРАБ ДУХТАРИ НАРСИРО ВА РАФТАНИ ШОПУР БА РАЗМИ Ӯ

Чу якчанд бугзашт бар шоҳ рӯз,
Фурӯзанда шуд тоҷи гетифирӯз.

Зи ғассониён Тоири шердил,
Ки додӣ фалакро ба шамшер дил,

Сипоҳаш зи румиву аз порсӣ,
Зи Баҳрайну аз Курду аз Қодисӣ

Биёмад ба перомани[2] Тайсафун,
Сипоҳе зи андоза в-аз мар бурун.[3]

Ба тороҷ дод он ҳама буму бар,
Киро буд бо ӯ паю пову пар?

Чу огаҳ шуд аз аммаи шаҳрёр,
Куҷо Нӯша буд номи он навбаҳор.[4]

Биёмад ба айвони он моҳрӯй,
Ҳама Тайсафун гашт пургуфтугӯй.[5]

Аз айвон-ш бурданду карданд асир,
Ки доно набуданду донишпазир.

---

1. Л – худ ба
2. Л – айвони он
3. Л – Сипоҳаш зи андози дониш фузун.
4. Л – Дар он ҷо яке бачча буд шоҳро,
Ки радхурд будӣ фару гоҳро.
Анӯша будаш ному чун моҳ буд,
Ҳама гетӣ аз ҳолаш огоҳ буд.
5. Л – Кашидаш аз он ҷо бараҳна ба рӯй.

www.sattor.com

Чу як сол наздики Тоир бимонд,
Аз андешагон дил ба хун дарфишонд.

Зи Тоир яке духташ[1] омад[2] чу моҳ,
Ки[3] гуфтӣ, ки Нарсист бо тоҷу гоҳ.

Падар Молика ном кардаш, чу дид,
Ки духташ ҳаме мамлакатро сазид.[4]

Чу Шопурро сол шуд бисту шаш,
Ҷавонхусраве[5] гашт хуршедфаш.

Ба дашт омаду лашкарашро бидид,
Даҳу ду ҳазор аз ялон баргузид.

Або ҳар яке бодпои ҳаюн,
Ба пеш-андарун мард сад[6] раҳнамун.

Ҳаюн барнишастанду аспон ба даст
Бибурданд гурдони хусравпараст.[7]

Бирафт аз паси шоҳи ғассониён,
Сарафроз Тоир ҳизабри жиён.

Фаровон кас аз лашкари ӯ бикушт,
Чу Тоир чунон дид, бинмуд пушт,

Баромад хурӯшидани дору гир,
В-аз эшон гирифтанд чанде асир.

Ҳисорӣ шуданд он сипаҳ дар Яман,
Хурӯш омад аз кӯдаку марду зан.

Биёвард Шопур чандон сипоҳ,
Ки бар мӯру бар пашша барбаст роҳ.

1. Л – духтар
2. Л – Яке духтар омад зи Тоир
3. ИЛ – Ту
4. Л – б. 50 нест.
5. Л – Манифаш касе; И – Яке мохрух
6. Л - шуд
7. ТПЗЛ - Аз он пас худу вижагон барнишаст,
Миёни кай тохтанро бубаст.

www.sattor.com

Варо бо сипоҳаш ба диж дарбиёфт,[1]
Дари ҷангу роҳи гурезаш битофт.[2]

Шабу рӯз як моҳашон ҷанг буд,
Сипаҳро ба диж-дар алаф танг буд.

ОШИҚ ШУДАНИ МОЛИКА ДУХТАРИ ТОИР БАР ШОПУР

Ба шабгир Шопури ял барнишаст,
Ҳаме рафт ҷӯшон камоне ба даст.

Сияҳҷавшани хусравӣ дар бараш,
Дурахшон[3] дирафши сияҳ бар сараш,

Зи девори диж Молика бингарид,
Дирафши сари номдорон бидид,

Чу гулбарг рухсору чун мушк мӯй,
Ба ранги табархун лаби мушкбӯй.

Бишуд хобу ором аз он хубчеҳр,
Бари доя буд бо дили[4] пур зи меҳр.

Бад-ӯ гуфт,[5] к-ин шоҳи хуршедфаш,
Ки эдар биёмад чунин кинакаш,

Бузург асту хуни ниҳони[6] ман аст,
Ҷаҳон хонамаш к-ӯ ҷаҳони ман аст.

Паёме зи ман назди Шопур бар,
Ба разм омадаст ӯ, зи ман[7] сур бар.

Бигӯяш, ки бо ту зи як гавҳарам,
Ҳам аз тухми Нарсии кундоварам.

1. Л – битофт,
2. ИЛ – наёфт.
3. Л – Дурафшон
4. Л – шуд бо диле
5. И – Бидонист
6. Л – Бари ман гиромӣ чу ҷони
7. Л – аз манаш.

www.sattor.com

Ҳамон низ бо кин зи ҳам гӯшаам,
Ки хеши туам, духтари Нӯшаам.

Маро гар бихоҳӣ, ҳисор они туст,
Чу айвон биёбӣ, нигор они туст.

Бад-ин кор бо доя паймон кунӣ,
Забон дар бузургӣ гаравгон кунӣ.

Бад-ӯ доя гуфт: «Он чи фармон диҳӣ,
Бигӯям, биёрам аз ӯ огаҳӣ».

Чу шаб бар замин подшоҳӣ гирифт.
Зи дарё ба дарё сиёҳӣ гирифт,

Замин қиргун, кӯҳ чун пил шуд,
Ситора ба кирдори қандил шуд.

Ту гуфтӣ, ки шамъ аст сесад ҳазор,
Биёвехта з-осмони[1] ҳисор.

Бишуд доя ларзон, пур аз тарсу[2] бим,
Зи Тоир ҳаме шуд дилаш бар ду ним.

Чу омад ба наздики пардасарой,
Хиромид наздикии раҳнамой.

Бад-ӯ гуфт: «Агар назди шоҳам барӣ,
Биёбӣ зи ман тоҷу ангуштарӣ».

Ҳашивори бинодил ӯро бибурд
Зи даҳлези парда бари шоҳи гурд.

Биёмад, ба мижгон заминро бируфт,
Сухан ҳарчи бишнид, бо ӯ бигуфт.

Зи гуфтори ӯ шод шуд шаҳрёр,
Бихандиду динор додаш ҳазор.

Ду ёра яке тавқи боафсаре,
Зи дебои Чин бофта чодаре.

1. И – б-осмони
2. И – тарсону ларзон зи

www.sattor.com

Чунон дод посух, ки бо моҳрӯй
Ба хубӣ[1] фаровон суханҳо бигӯй.

Бигӯяш, ки гуфт ӯ ба хуршеду моҳ,
Ба зуннори Зардушту фарру[2] кулоҳ,

Ки ҳар чиз, к-аз ман бихоҳӣ ҳаме,
Гар аз подшоҳӣ бикоҳӣ ҳаме,

Зи ман бад сухан нашнавад гӯши ту,
Ҷудоӣ наҷӯям зи оғӯши ту.

Харидорам[3] ӯро ба тахту кулоҳ,
Ба фармони Яздон ба[4] ганҷу сипоҳ».

Чу бишнид посух ҳам андар замон,
Зи парда биёмад бари диж дамон.

Шунида бад-ин сарви симин бигуфт,
Ки хуршедро гашт Ноҳид[5] ҷуфт.

Зи болову дидори Шопуршоҳ
Бигуфт, ончи дид ӯ[6] ба тобандамоҳ.

БАР ДАСТИ ШОПУР ДОДАНИ МОЛИКА ДИЖИ ТОИР ВА КУШТА ШУДАНИ ТОИР

Зи ховар чу хуршед бинмуд тоҷ,
Гули зард шуд бар замин ранги соҷ.

Зи ганҷуру дастур бистад калид,
Хӯришхонаву хуммҳои[7] набид.

Ба диж-бар ҳар он кас, ки буд меҳтаре,
Гави ҷангиву ҷангдида саре,

1. Л – Ба чарбӣ
2. Л – фаррух
3. И – Харидор
4. И – Яздону
5. И – то ки доранд
6. И – начунбанд
7. ИЛ – бард

www.sattor.com

Хӯришҳо фиристоду чанде набид,
Ҳам аз бӯйҳо наргису шанбалид.

Парастандаи бодаро пеш хонд,
Ба чарбӣ фаровон суханҳо биронд.

Бад-ӯ гуфт, к-имшаб туӣ бодадеҳ,
Ба Тоир ҳаме бодаи сода деҳ.

Мамон, то бидоранд[1] бода ба даст,
Бад-он то бихуспанду[2] гарданд маст.

Бад-ӯ гуфт соқӣ, ки ман бандаам,
Ба фармони ту дар ҷаҳон зиндаам.

Чу хуршед бар Бохтар гашт зард,
Шаби тира гуфташ, ки аз роҳ гард.[3]

Майи хусравӣ хост Тоир ба ҷом,
Нахустин зи ғассониён бурд ном.

Чу бугзашт як пос аз он[4] тирашаб,
Биёсуд Тоир зи бонги шағаб.[5]

Бирафтанд яксар сӯи хобгоҳ,
Парастандагонро бифармуд моҳ,

Ки то кас нагӯяд сухан ҷуз ба роз,
Ниҳонӣ дари диж кушоданд боз,

Бад-он шоҳ Шопур худ чашм дошт,
В-аз[6] овози мастон ба дил хашм дошт.

Чу шамъ аз дари диж бияфрӯхт, гуфт,
Ки гаштем бо бахти бедор ҷуфт.

Мар он моҳрӯро ба пардасарой
Бифармуд, то хуб карданд ҷой.

1. И – то ки доранд
2. И – начунбанд
3. ИЛ – бард.
4. Л – з-он
5. Л – нишаст он ҷалаб.
6. И – Зи

www.sattor.com

Сипаҳро саросар ҳама гирд кард,
Гузин кард гурдони нангу набард.

Пиёда биёварду чанде савор,
Ҳар он кас, ки буд аз дари корзор.[1]

Ба диж-дар шуду куштан андаргирифт,
Ҳама кинаҳои куҳан баргирифт.

Сипаҳ буд бо Тоир андар ҳисор,
Ҳама маст хуфта фузун аз шумор.

Дигар хуфта осема бархостанд,
Ба ҳар ҷой ҷанге биёростанд.

Аз эшон кас аз бим нанмуд пушт,
Басе номвар шоҳи Эрон бикушт.

Чу шуд Тоир андар кафи ӯ асир,
Биёмад бараҳна равон[2] ногузир.

Ба ҷанги вай омад ҳисору буна,
Басе моявар мардуми бадтана.

Бибуд он шабу бомдоди пагоҳ,
Чу хуршед бинмуд заррин кулоҳ,

Яке тахти пирӯза андар ҳисор
Ба оин ниҳоданду доданд бор.

Чу аз бор[3] пардахта шуд шаҳрёр,
Ба наздики ӯ шуд гули навбаҳор.

Зи ёқути сурх афсаре бар сараш,
Дурафшон зи зарбафти чинӣ бараш.

Баробар-ш бар тахти заррин нишонд,
Сабук Тоири бастаро пеш хонд.

---

1. Л – б. 109, 110 нест.
2. Л – давон
3. Л – бора

www.sattor.com

Чу Тоир биёмад бараҳна сараш,
Бидид он сари номвар духтараш,[1]

Бидонист, к-он ҷодувӣ кори ӯст,
Бад-ӯ бад расидан зи бозори ӯст,

Бад-ӯ[2] гуфт, к-: «Эй шоҳи озодмард!
Нигаҳ кун, ки фарзанд бо ман чӣ кард!

Чунин ҳам ту аз меҳри ӯ[3] чашм дор,
Зи бегонагон з-ин[4] сипас хашм дор.

Чунин гуфт Шопур бадномро,
Ки аз парда чун духти Баҳромро

Биёриву расво кунӣ дударо,
Барангезӣ ин кини осударо.

Ба дажхим фармуд, то гарданаш
Занад, пас ба оташ бисӯзад[5] танаш.

Сари Тоир аз нанг дар хун кашид,
Пас он гоҳ аз он ҷой[6] берун кашид.

Ҳар он кас куҷо ёфтӣ аз араб,
Намондӣ, ки пешаш кушодӣ[7] ду лаб.

Зи ду дасти ӯ дур кардӣ ду кифт,
Ҷаҳон монда аз кори ӯ дар шигифт.

Аробӣ Зулактоф кардаш лақаб,
Чу аз мӯҳра букшод китфи араб.[8]

В-аз он ҷойгаҳ шуд сӯи Порс боз,
Ҷаҳоне ҳаме бурд пешаш намоз.

1. Л – б. 121, 122 нест.
2. И Л – Чунин
3. Л – Ту аз меҳри ӯ ҳамчунин
4. Л – з-он
5. Л – Зананду бисӯзанд аз оташ
   И – Зананду ба оташ бисӯзад
6. Л – Рафиқоншро гуфт
7. Л – На кас баркушодӣ; И – К-аз он пас кушодӣ
8. Л – б. 132 нест.

www.sattor.com

Ҳар он кас, ки бо кифт зинҳор ёфт,
Зи божу зи соваш ҳаме сар натофт.

Бар ин низ бугзашт чанде, сипеҳр,
В-аз он пас дигаргуна бинмуд чеҳр.[1]

РАФТАНИ ШОПУР БА РУМ ВА ҚАЙСАРИ РУМ БА ПӮСТИ ХАР ДӮХТАН ӮРО

Чунон буд, ки як рӯз бо тоҷу ганҷ
Ҳаме дошт аз буданӣ дил ба ранҷ,

Зи тирашаб андаргузашта се[2] пос,
Бифармуд, то шуд ситорашинос,

Бипурсидаш аз тахти шоҳаншаҳӣ,
Ҳам аз ранҷу аз рӯзгори беҳӣ.

Мунаҷҷим биёвард суллобро,
Бияндохт оромишу хобро.[3]

Бад-он то расад подшоро бадӣ,
В-ар афзоядаш[4] фарраи эздӣ.

Чу диданд, гуфтандаш:[5] «Эй подшо,[6]
Ҷаҳонгиру равшандилу порсо,

Яке кор пеш аст бо ранҷу дард,
Наёрад кас он бар ту-бар ёд кард».

Чунин дод Шопур посух бад-ӯй,
Ки эй марди донандаи роҳҷӯй.[7]

Чӣ чора-ст то ин зи ман бугзарад,
Танам ахтари бад ба пай[8] наспарад?

---

1. Л – дигаргунатар шуд ба меҳр.
2. Л – ду
3. ТПЛМ – Нигаҳ кард равшан ба қалб-ул-асад,
   Ки ҳаст ӯ намояндаи фатҳу ҷад.
4. ИЛ – Физояд бад-ӯ
5. Л – гуфтанд:
6. И – бар толеи подшо
7. И – ростгӯй.
8. И – бадтанӣ: Л – магар

www.sattor.com

Ситорашумар гуфт, к- «Эй шаҳрёр,
Аз ин гардиши чархи нопойдор

Ба мардиву дониш кӣ ёбад гузар,
Хирадманд ё марди пархошхар?

Бибошад ҳаме буданӣ бегумон,
Натобем бо гардиши осмон.

Чунин дод посух гаронмоя шоҳ,
Ки додор бошад зи ҳар бад паноҳ,

Ки гардон баланд осмон офарид,
Тавоноиву нотавон офарид.

Бигустурд дар[1] подшоҳии дод,
Ҳаме буд якчанд беранҷу шод.

Чу обод шуд з-ӯ ҳама марзу бум,
Чунон орзу кард, к-ояд ба Рум,

Бубинад, ки Қайсар сарафроз ҳаст
Або лашкару ганҷу нерӯи даст.

Ҳамон роз букшод бар кадхудой
Яке паҳлавон гурди бододу рой.

Ҳамин[2] розу андеша бо ӯ бигуфт,
Ҳаме дошт аз[3] ҳар кас андар нуҳуфт.

Чунин гуфт, к-ин подшоҳӣ ба дод
Бидоред, к-аз дод бошед шод.

Шутур хост пурмоя даҳ корвон,
Ба ҳар корвон-бар яке сорвон.

Зи дебову аз гавҳарон бор кард,
Аз он сӣ шутур бор динор кард.

Биёмад пурандеша з-ободбум,
Ҳаме рафт ҳам з-ин нишон то ба Рум.

1. Л – бар
2. Л – Ҳамон
3. Л – бо

www.sattor.com

Яке русто дид[1] наздики шаҳр,
Ки деҳқону шаҳрӣ аз ӯ дошт[2] баҳр.

Биёмад ба хони яке кадхудой,
Бипурсид, к-эдар маро ҳаст ҷой?

Бар ӯ офарин кард меҳтар басе,
Ки чун ту наёбем меҳмон касе.

Бибуд он шабу хӯрду бахшид чиз,
Зи деҳқон яке офарин ёфт низ.

Сапеда баромад, буна барниҳод,
Сӯи хонаи Қайсар омад чу бод,

Биёмад ба наздики солори бор,
Бар ӯ офарин карду бурдаш[3] нисор.

Бипурсиду гуфташ: «Чӣ мардӣ, бигӯй,
Ки ҳам шоҳшохиву ҳам шоҳрӯй».

Чунин дод посух: «Наям подшо,
Яке порсимардаму порсо.

Ба бозоргонӣ бирафтам зи Ҷаз,
Яке корвон дорам аз хаззу баз.

Кунун омадастам бад-ин боргоҳ,
Магар назди Қайсар кушоянд роҳ.

Аз ин бор чизе, ки[4] андарх(в)ар аст,
Ҳама олату гавҳари[5] лашкар аст.

Пазирад зи чокар. супорад ба ганҷ,
Бад-он шод бошам, надорам ба ранҷ.

Дигарҳо[6] фурӯшам ба зарру ба сим,
Ба Қайсар паноҳам, напечам зи бим.

1. Л – буд
2. Л – будӣ з-ӯ дуд
3. Л – кардаш
4. Л – к-аш
5. Л – Ҳаме гавҳару олати
6. Л – Дигар то

www.sattor.com

Бихаррам, ҳар он ч-ам бибояд, зи Рум,
Барам сӯи Эрон ба ободбум».

Зи даргоҳ бархост марди куҳан,
Бари Қайсар омад, бигуфт ин сухан.

Зи дар сӯи Қайсар-ш бугзоштанд.
Бифармуд, то парда бардоштанд,

Чу Шопур наздики Қайсар расид,
Бикард офарине, чунон чун сазид.

Нигаҳ кард Қайсар ба Шопури гурд,
Зи хубӣ дилу дида ӯро супурд.

Бифармуд, то хону май хостанд,
Ҳама коху айвон биёростанд.

Ҷаҳондида эроние буд ба[1] Рум,
Чунон чун бувад марди бедору шум.

Ба Қайсар чунин гуфт, к-«Эй сарфароз,
Яке нав сухан бишнав аз ман ба роз,

Ки ин номвар марди бозоргон,
Ки дебо фурӯшад ба диноргон,

Шаҳаншоҳ Шопур гӯям,[2] ки ҳаст
Би гуфтору дидору фарру нишаст.

Чу бишнид Қайсар сухан, хира шуд,
Ҳаме чашмаш аз рӯи ӯ тира шуд.

Нигаҳбон-ш баркарду бо кас нагуфт,
Ҳаме дошт он рози ӯ дар нуҳуфт.

Чу шуд маст, бархост Шопуршоҳ,
Ҳаме дошт Қайсар мар ӯро нигоҳ.

Биёмад, нигаҳбони ӯро гирифт,
Ки Шопури Нарсӣ туӣ, эй шигифт?

1. И – Ҷафодида эроние буд зи
2. Л – донам

www.sattor.com

Ба хони занон бурду басташ бубаст,
Ба мардӣ зи доми бало кас нараст.

Чу з-ин моя дониш наёяд[1] ба бар,
Чӣ бояд[2] шумори ситорашумар?

Бари маст шамъе ҳамесӯхтанд,
Ба зориш дар чарми хар дӯхтанд.

Ҳамегуфт ҳар кас, ки ин шӯрбахт,
Ҳаме чарми хар ҷусту бугзошт тахт.

Яке хонае буд, торику танг,
Бибурданд бадбахтро бедиранг.

Бад-он ҷойи танг-андар андохтанд,
Дари хонаро қуфл барсохтанд.

Калидаш ба кадбонуи хона дод,
Танашро бад-он чарми бегона[3] дод.

Ба зан гуфт: «Чандон диҳаш нону об,
Ки ҷонаш ба рафтан нагирад шитоб.

Агар зинда монад ба якчанд гоҳ,
Бидонад магар арзи тахту кулоҳ.

Ҳамон[4] тахти Қайсар наёяд-ш ёд,
Касеро кучо нест қайсарнажод».

Зани Қайсар он хонаро дар бубаст,
Ба айвон дигар ҷой будаш нишаст.

Яке моҳрух буд ганҷури ӯй,
Гузида ба ҳар кор дастури ӯй.

К-аз эрониён доштӣ ӯ нажод,
Падар бар падар-бар ҳаме дошт ёд.

1. Л – Чу з-ин бора дониш наёмад
2. Л – бошад
3. Л – харрона
4. Л – Ҳам аз

www.sattor.com

Калиди дари хона ӯро супурд,
Ба чарм-андарун баста Шопури гурд.

Ҳамон рӯз аз марз лашкар биронд,
Варо баста дар пӯст он ҷо бимонд.

Чу Қайсар ба наздики Эрон расид,
Сабук як ба як теғи кин баркашид.

Аз Эрон ҳаме бурд румӣ асир,
Набуд он ялонро касе дастгир.

Ба Эрон зану марду кӯдак намонд,
Ҳамон[1] чизи бисёру андак намонд.

Набуд огаҳӣ дар миёни сипоҳ,
На мурда, на зинда зи Шопуршоҳ.

Гурезон ҳама шаҳри Эрон зи Рум,
Зи мардум тиҳӣ шуд ҳама марзу бум.

Аз Эрон беандоза тарсо шуданд,
Ҳама марз пеши сакубо шуданд.

РАҲОНИДАНИ КАНИЗАК ШОПУРРО АЗ ЧАРМИ ХАР

Чунин то баромад бад-ин чанд гоҳ,[2]
Аз Эрон пароканда гашт он сипоҳ.

Ба рум он, ки Шопурро доштӣ,
Шабу рӯз танҳош нагзоштӣ.

Канизак набудӣ зи Шопур шод,
Аз он, к-аш зи эрониён буд нажод.

Шабу рӯз аз он чарм гирён будӣ,
Дили ӯ зи Шопур бирён будӣ.

Бад-ӯ гуфт рӯзе, ки «Эй хубрӯй,
Чӣ мардӣ, матарс эчу бо ман бигӯй,

1. И – Ҳама
2. Л – Ҳам аз

www.sattor.com

Ки дар чарми хар нозук андоми ту,
Ҳаме бугсилад хобу ороми ту.

Чу сарве будӣ бар сараш гирдмоҳ,
Ҳамон моҳ дар зери мушки сиёҳ.

Кунун чанбарӣ гашт болои сарв,
Тани пилворат ба кирдори ғарв.[1]

Дили ман ҳаме бар ту бирён шавад,
Ду чашмам шабу рӯз гирён шавад.

Бад-ин сахтӣ-андар чӣ ҷӯӣ ҳаме?
Ки рози ту бо ман нагӯӣ ҳаме?

Бад-ӯ гуфт Шопур, к- «Эй хубчеҳр,
Гарат ҳеҷ бар ман биҷунбид меҳр,

Ба савганд паймон-т хоҳам яке,
К-аз он нагзарӣ ҷовидон андаке.

Нагӯӣ ба бадхоҳ рози маро,
Кунӣ ёд дарду гудози маро,[2]

Бигӯям туро, он чи дархостӣ,
Ба гуфтор пайдо кунам ростӣ.

Канизак ба додор савганд х(в)ард,
Ба зуннори Шаммоси ҳафтод гурд,

Ба ҷони Масиҳову сӯги салиб,
Ба Дорои Эрону меҳру ниҳеб,

Ки рози ту бо кас нагӯям зи бун,
Наҷӯям ҳаме бартарӣ з-ин сухун.

Ҳама роз Шопур бо ӯ бигуфт,
Намонд ин сухан неку бад дар нуҳуфт.

Бад-ӯ гуфт: «Акнун чӣ[3] фармон кунӣ,
Бад-ин рози ман дил гаравгон кунӣ?

1. Л – Миёне чу аръ-ар, ба рафтан тазарв.
2. Л – б. 219 нест.
3. Л – чу

www.sattor.com

Сар аз бонувон бартар ояд туро,
Ҷаҳон зери пой-андар ояд туро.

Ба ҳангоми нон шири гарм оварӣ,
Бипӯшӣ сухан, нарм-нарм оварӣ.

Ба шир-андар оғорӣ ин чарми хар,
Ки ин чарм гардад ба гетӣ самар.

Пас аз ман басе солиён бугзарад,
Бигӯяд ҳамин, ҳар кӣ дорад хирад![1]

Канизак ҳаме хостӣ шири гарм
Ниҳонӣ зи ҳар кас ба овози нарм,

Чу гаштӣ, яке ҷом бардоштӣ,
Бар он оташи тез бугзоштӣ.

Ба наздики Шопур бурдӣ ниҳон,
Нагуфтӣ сухан бо кас андар ҷаҳон.

Ду ҳафта сипеҳр андар ин гашта шуд,
Ба фарҷом чарми хар оғушта шуд.

Чу Шопур аз он пӯст омад бурун,
Ҳама дил пур аз дарду тан пур зи хун.

Чунин гуфт пас бо канизак ба роз,
Ки «Эй пок, бинодили нексоз,

Яке чора бояд кунун сохтан,
Зи ҳар гуна андеша андохтан,

Ки моро гузар бошад аз шаҳри[2] Рум,
Мабод офарин бар чунин марзу бум.

Канизак бад-ӯ гуфт: «Фардо пагоҳ
Шаванд ин бузургон сӯи ҷашнгоҳ.

Яке ҷашн бошад ба Рум-андарун,
Ки марду зану кӯдак ояд бурун,

1. Л – б. 229 нест.
2. Л – марзи

www.sattor.com

Чу кадбону аз шаҳр берун шавад,
Бад-он ҷашни хуррам ба ҳомун шавад,

Шавад хона холиву ман чорае[1]
Бисозам, натарсам зи патёрае.[2]

Ду аспу ду кӯполу тиру камон,
Ба пеши ту орам ба равшанравон».

Чу бишнид Шопур, кард офарин,
Бар он пурҳунар духтари пешбин.[3]

Ба андеша дилро ба ҷой оварид,
Хирадро бар ин раҳнамой оварид.

Чу аз бохтар чашма андаркашид,
Шаб он чодари қор бар сар кашид.

Пурандеша шуд ҷони Шопуршоҳ,
Ки фардо чӣ созад канизак пагоҳ?[4]

Чу барзад сар аз бурҷи шер офтоб,
Биболид рӯзу биполуд хоб.

Ба ҷашн омаданд, он ки буд ӯ ба шаҳр,
Хунук он, ки бардорад аз ҷашн баҳр.

Канизак сӯи хона бинҳод рӯй,
Чунон чун бувад мардуми чораҷӯй.

Чу айвони холӣ ба чанг омадаш,
Дили шеру чанги паланг омадаш.

Ду аспи геронмоя з-охур бибурд,
Гузида силоҳи саворони гурд,

1. Л – шаҳр холиву ман чораҷӯй,
2. Л – наёрам ба якбора рӯй.
3. ИЛ – б. 243 нест.;
ТПИЛМ – Бубаст андар андеша дилро нахуст,
Зи охур ду аспи геронмоя ҷуст.
Ҳамон теғу кӯполу баргустувон,
Ҳамон ҷавшану миғфари паҳлавон.
4. И – ба роҳ.

www.sattor.com

Зи динор чандон ки боист, низ,
Зи хушшобу ёқуту ҳар гуна чиз,

Чу омад ҳама сози рафтан ба ҷой,
Шаб омад, ду тан рост карданд рой.[1]

ГУРЕХТАНИ ШОПУР ЗИ РУМ ВА РАСИДАН БА ШАҲРИ ЭРОН

Сӯи шаҳри Эрон ниҳоданд рӯй,
Ду хуррамниҳон шоду оромҷӯй.

Шабу рӯз яксон[2] ҳаме тохтанд,
Ба хобу[3] ба хӯрдан напардохтанд.

Аз ин гуна аз шаҳр бар хорсон
Ҳаме ронд то кишвари Хузиён.

Чу аспу тан аз тохтан гашт суст,
Фуруд омаданро ҳаме ҷой[4] ҷуст.

Деҳе хуррам омад зи пешаш ба роҳ,
Пур аз боғу айвону аз[5] ҷашнгоҳ.

Тан аз роҳ ранҷа,[6] гурезон зи бад,
Биёмад, дари боғбоне бизад.

Биёмад давон марди полезбон,
Ки ҳам некдил буд, ҳам мизбон.

---

1. ТПИМ – Ду аз рӯзбонон нигаҳбон буданд,
Аз он рафтани шоҳ огаҳ шуданд*.
Ба пай-бар бирафтанд ҳар ду савор,
Расиданд зӣ марду он номдор.
Инонаш гирифтанд ҳар ду ба даст,
Ба зин-андарун шоҳ аз ҷой ҷаст.
Гирифт он сари ҳар дувонро ба даст,
Сабук дар замин хор бифканд паст.
Чу ҳар ду фитоданду беҷон шуданд,
Шаҳу ҳамраҳаш ҳар ду пӯён шуданд.

* И – танҳо б. якум мавҷуд аст

2. Л – яксар
3. И – хону
4. Л – чора
5. Л – майдону пур
6. Л – ранҷу рахна

www.sattor.com

Ду тан дид бо найзаву диръу хӯд,
Бипурсид, гуфто: «Кӣ[1] ҳаст ин дуруд?

Бад-ин бегаҳӣ аз куҷо хостӣ?[2]
Чунин тохтанро биёростӣ?»[3]

Бад-ӯ гуфт Шопур, к-«Эй некхоҳ,
Сухан чанд пурсӣ зи гумкардароҳ?

Яке марди эрониям, чораҷӯй,[4]
Гурезон ниҳода бар ин марз рӯй.

Пур аз дардам аз Қайсару лашкараш,
Мабодо, ки бинам сару афсараш.

Гар имшаб маро мизбонӣ кунӣ,
Ҳашивориву марзбонӣ кунӣ,

Бар онам,[5] ки рӯзе ба кор оядат,[6]
Дарахте ки корӣ,[7] ба бор оядат.[8]

Бад-ӯ боғбон гуфт, к-ин хони туст,
Тани боғбон низ меҳмони туст.

Бад-он чиз, к-ояд маро дастрас,
Бикӯшам, биёрам, нагӯям ба кас.

Фуруд омад аз асп Шопуршоҳ,
Канизак ҳаме рафт бо ӯ ба роҳ,

Хӯриш сохт чанде зани боғбон,
Зи ҳар гуна чандон, ки будаш тавон.

1. Л – Зи Шопури Баҳром
2. Л – хостанд.
3. Л – биёростанд.
4. Л – роҳҷӯй.
5. И – Бидонам,
6. И – оямат.
7. И – Дарахте ҳумоюн
8. И – оямат; Л – б. 267 нест.

www.sattor.com

Чу нон хӯрда шуд, кори май сохтанд,
Сабукмоя ҷое[1] бипардохтанд.[2]

Сабук боғбон май ба Шопур дод,
Ки бардор аз он кас, ки бояд-т[3] ёд.

Бад-ӯ гуфт Шопур, к-«Эй мизбон,
Ҳашивору бедор полезбон,

Касе к-ӯ май орад, нахуст ӯ хӯрад,
Чу бешаш бувад солиёну хирад.

Ту аз ман ба сол андаке меҳтарӣ,[4]
Ту бояд, ки чун май диҳӣ, май х(в)арӣ».[5]

Бад-ӯ боғбон гуфт, к-«Эй пурҳунар,
Нахуст он хӯрад май, ки бо зебу фар.[6]

Ту бояд, ки бошӣ бад-ин пешрав,
Ки пирӣ ба фарҳангу дар сол нав.

Ҳаме зеби[7] тоҷ ояд аз рӯи[8] ту,
Ҳаме бӯи мушк ояд аз мӯи[9] ту».

Бихандид Шопуру бистад набид,
Яке боди сард аз ҷигар баркашид.

Ба полезбон гуфт, к-«Эй покдин,
Чӣ огоҳӣ астат зи Эронзамин?»

Чунин дод посух, ки «Эй кайманиш,
Зи ту дур бодо бади бадкуниш.

Ба бадхоҳи ту бод чандон зиён,
Ки аз Қайсар омад ба эрониён.

1. Сабук бода ҷоме
2. ТПИМ – Май оварду бинҳоду бардошт ҷом,
Зи меҳмон шуда хурраму шодком.
3. Л – Ки бинюш аз он кас, ки дорӣ ба
4. Л – бартарӣ,
5. Л – х(в)арӣ.
6. Л – тар.
7. ИЛ – бӯи
8. ИЛ – мӯи.
9. И – Ба хуршед монад ҳаме рӯи; Л – ранги оҷ ояд аз

www.sattor.com

Аз Эрон пароканда шуд. ҳар кӣ буд,
Намонд андар он бум кишту дуруд.

Зи бас ғорату куштани марду зан
Пароканда гашт он бузург анҷуман.

В-аз эшон басе низ тарсо шуданд,
Ба зуннор пеши сакубо шуданд.

Басо ҷосалиқе ба сар-бар кулоҳ,
Бурун аз бару буму оромгоҳ.

Бад-ӯ гуфт: «Шопуршоҳ Урмузд,
Ки рахшон будӣ ӯ чу моҳ Урмузд,

Куҷо шуд, ки Қайсар чунин хира шуд?
Зи бахт оби эрониён[1] тира шуд?»

Бад-ӯ боғбон гуфт, к-«Эй сарфароз,
Туро ҷовидон меҳтарӣ боду ноз.

Аз ӯ мурдаву зинда ҷое нишон
Наёмад ба Эрон бад-ин саркашон.

Ҳар он кас, ки буд андар ободбум,
Асиранд сартосар акнун ба Рум».

Бад-ин зор бигрист полезбон,
Ки буд он[2] замон шоҳро мизбон.

Бад-ӯ мизбон гуфт, к-«эдар се рӯз
Бибошӣ, шавад хона гетифурӯз,

Ки доно зад ин достон аз нахуст,
Ки ҳар кас, ки озарми меҳмон наҷуст,

Набошад хирад ҳеҷ наздики ӯй,
Ниёз оварад бахти торики ӯй.

Бибошу биёсову май хӯр ба ҷом,
Чу гардад дилат ром, баргӯй ном.

1. Л – Эрон чунин
2. Л – ин

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт Шопур: «Коре равост,[1]
Ба мо, бар кунун мизбон подшост.

ШИНОХТАНИ ЭРОНИЁН ШОПУРРО ВА ГИРД КАРДАНИ Ӯ СИПОҲ

Бибуд он шабу хӯрду гуфтушунид,
Сапеда чу аз кӯҳ сар бардамид,

Чу зарриндирафше даромад зи роғ,
Бари меҳмон шуд худованди боғ.

Бад-ӯ гуфт: «Рӯзи ту фархунда бод!
Сарат бартар аз абри боранда бод!

Сазои туам ҷойгоҳе набуд,
Ба ором шоиста гоҳе набуд».

Бад-ӯ гуфт Шопур, к-«Эй некбахт,
Ман ин хона бугзидам аз тоҷу тахт.

Яке Жанду Уст ор, бо барсамат,
Бигӯ посух аз ҳар чӣ вопурсамат».[2]

Биёвард, ҳар ч-аш бифармуд шоҳ,
Биёроста барсаму божгоҳ.

Ба замзам бад-ӯ гуфт: «Баргӯй рост,
Ки то мӯбадонмӯбад акнун куҷост?»

Чунин дод посух варо боғбон,
Ки «Эй номвар марди ширинзабон!

Ду чашмам зи ҷое, ки дорам нишаст,
Бар он хонаи мӯбадонмӯбад аст».

Ниҳонӣ ба полезбон гуфт шоҳ,
Ки аз меҳтарӣ деҳ гили мӯҳ хоҳ.

Чу бишнид аз ӯ ин сухан боғбон,
Гили мӯҳ оварду омад дамон.

1. Л – баҷост
2. Л – б. 304 нест.

www.sattor.com

Ҷаҳондор бинҳод бар гил нигин.
Бад-он боғбон доду кард офарин.

Бад-ӯ гуфт, к-ин[1] гил ба мӯбад супор,
Нигар, то чӣ гӯяд, ҳама гӯш дор.

Сапедадамон мард бо мӯҳри шоҳ,
Бари мӯбадонмӯбад омад пагоҳ.

Чу наздики даргоҳи мӯбад расид,
Пароканда гурдону дар баста дид,

Ба овоз аз он боргаҳ бор хост,
Чу букшод дар, боғбон рафт рост,

Чу омад ба наздики мӯбад фароз,
Бад-ӯ мӯҳр бинмуду бурдаш намоз.

Чу мӯбад нигаҳ карду он мӯҳр дид,
Зи шодӣ дили ройзан бардамид.

В-аз он пас бар он ном чанде гирист,
Бад-он боғбон гуфт, к-«Ин мӯҳр чист?[2]

Чунин дод посух, ки «Эй номдор.
Нишаста ба хони ман аст ин савор.

Яке моҳ бо ӯ чу сарви саҳӣ,
Хирадманд, бозебу бофарраҳӣ».

Бад-ӯ гуфт мӯбад, ки «Ин[3] номҷӯй,
Нишон гӯ, кӣ[4] дорад ба болову рӯй?

Бад-ӯ боғбон гуфт: «Ҳар к-ӯ баҳор
Надидасту сарв аз бари ҷӯйбор,

Ба болову рухсори ӯ бингарад,
Ҳаме дил зи дидан-ш ромиш барад.[5]

1. И – инро
2. ИЛ – мӯҳри кист?
3. Л – Эй
4. Л – Нишони кӣ
5. Л – б. 323 нест.

www.sattor.com

Ду бозу ба кирдори рони ҳаюн,
Бараш чун бари шеру чеҳраш чу хун,

Ҳаме ранги шарм ояд аз меҳри ӯй,
Ҳаме зеби тоҷ ояд аз чеҳри ӯй»

ОГОҲӢ ЁФТАНИ МӮБАД ВА ПАҲЛАВОН АЗ ОМАДАНИ ШОПУР ВА РАФТАНИ ЭШОН БО СИПОҲ НАЗДИ Ӯ

Чу полезбон гуфту мӯбад шунид,
Ба равшанравон марди доно бидид,

Ки ин шердилмард ҷуз шоҳ нест,
Ҳамон чеҳра ҷуз дархури гоҳ нест.

Фиристодае ҷуст равшанравон,
Фиристод мӯбад бари паҳлавон,

Ки пайдо шуд он фарри Шопуршоҳ,
Ту аз ҳар сӯе анҷуман кун сипоҳ,

Фиристодаи мӯбад омад давон,
Зи ҷое, ки буд то дари паҳлавон.

Сипаҳбад зи гуфтори ӯ гашт шод,[1]
Ки дил[2] пур зи кин дошту[3] лаб пур зи бод.[4]

Ба додор гуфт: «Эй ҷаҳондори рост!
Парастиш ба ҷуз мар[5] туро носазост.

Кӣ донист ҳаргиз, ки Шопуршоҳ
Бубинад сипаҳрову ӯро сипоҳ.[6]

Сипос аз ту, эй додгар, як Худой,
Ҷаҳондору бар некуӣ раҳнамой.

1. Л – шод шуд,
2. И – Сараш; Л – Дили ӯ
3. И – карду
4. Л – аз кину пурбод шуд.
5. Л – касе ҷуз
6. Л – сипаҳ кажж бинҳад кулоҳ.

www.sattor.com

Чу шаб баркашид он дирафши сиёҳ,
Ситора падид омаду гирдмоҳ.

Фароз омад аз ҳар сӯе лашкаре,
Ба ҷое, ки буд дар ниҳон меҳтаре.[1]

Зи ҳар сӯ гавон сар барафрохтанд,
Ягону дугона ҳаме тохтанд.[2]

Ба даргоҳи полезбон омаданд,
Ба шодӣ бари мизбон омаданд.

Бифармуд, то баркушоданд роҳ,
Агарчи фурӯмоя буд боргоҳ.

Чу рафтанд наздики он номҷӯй,
Якояк ниҳоданд бар хок рӯй.

Меҳонро ҳама шоҳ дар бар гирифт,
Зи бадҳо хурӯшидан андаргирифт.

Бигуфт, он чӣ аз чарми хар дида буд,
Суханҳо зи Қайсар, ки бишнида буд.

Ҳам озодии бардаи хубчеҳр,
Бигуфт, он чи ӯ кард пайдо зи меҳр,

К-аз ӯ ёфтам ҷону аз Кирдгор,
Ки фархунда бодо бар ӯ рӯзгор.

Агар шаҳриёреву фархундае
Шавад бандаи пурҳунар бандае,

---

1. И – Пас аз б. 336 ин б. омада:
Зумуррад биёварду мардони мард,
Ки шоиста буданд рӯзи набард.
Або марзбон ҷумла гирд омаданд,
Ба якбор сӯи сипаҳбад шуданд,
Зи таблу зи бӯқ он кучо монда буд,
Гаҳе рӯз ҳар шаб барафшонда буд (?)
2. ТПЗ – Чу лашкар шуд анбӯҳ бар дар сарой,
Ба наздики шоҳ омад он покрой.

www.sattor.com

Манам банда ин меҳрубон бандаро,[1]
Кушодадилу доддорандаро.[2]

Ба ҳар сӯ, ки акнун сипоҳи ман аст,
В-агар подшоҳиву роҳи ман аст,

Ҳама кас фиристеду огаҳ кунед,
Талоя пароканда бар раҳ кунед.

Бубандед вижа раҳи Тайсафун,
Набояд, ки огоҳӣ ояд бурун.

Чу Қайсар биёбад зи мо огаҳӣ,
Ки пайдо шуд он фарри шоҳаншаҳӣ,

Биёяд, сипоҳи маро барканад,
Дилу пушти эрониён бишканад.

Кунун мо надорем поёби ӯ,
Бупечем бо бахти шодоби ӯ.

Чу мӯбад биёяд, биёрад сипоҳ,
Зи лашкар бубандем бар пашша роҳ.

Бисозему ороиши нав кунем,
Ниҳонӣ магар боғ бехав кунем.

Биёяд ба ҳар гӯшае дидбон,
Талоя ба рӯзу ба шаб посбон,

Аз ин пас набояд, ки аз румиён
Касе хуспад эмин кушода миён.

ШАБЕХУН ЗАДАНИ ШОПУР ВА ГИРИФТАНИ ҚАЙСАРИ РУМ

Басе барнаёмад бад-ин рӯзгор,
Ки шуд лашкаре пеши ӯ шаш[3] ҳазор.

1. ИЛ – бардаро,
2. ИЛ – нозпарвардаро.
3. Л – мардуми лашкараш даҳ

www.sattor.com

Фиристод Шопур корогаҳон,
Сӯи Тайсафун кордида меҳон.

Бад-он то зи Қайсар диҳанд огаҳӣ
Бад-ин бурздаргоҳ бо фарраҳӣ.

Бирафтанд корогаҳон ногаҳон,
Нуҳуфта биҷустанд кори ҷаҳон.

Чу диданд ҳар гуна, боз омаданд,
Бари шоҳи гарданфароз омаданд,

Ки Қайсар зи май хӯрдану аз шикор,
Ҳаме ҳеҷ нандешад аз корзор.

Сипоҳаш пароканда бар ҳар сӯе,
Ба тороҷ кардан ба ҳар паҳлӯе.

На рӯзаш талоя, на шаб посбон,
Сипоҳ аст ҳамчун рама бешубон.

Набинад ҳаме душман аз ҳеҷ сӯй,
Писанд омадаш зистан б-орзуй.

Чу бишнид Шопур, аз он шод гашт.
Ҳама ранҷҳо пеши ӯ бод гашт.

Гузин кард аз эрониён се ҳазор,
Зиреҳдору баргустувонвар савор,

Ба шабтира ҷавшан[1] ба бар даркашид,
Сипаҳро сӯи Тайсафун баркашид.

Ба тирашабон тез биштофтӣ,
Чу равшан шудӣ, рӯй бартофтӣ.

Ҳаме рондӣ бар[2] биёбону[3] кӯҳ
Бад-он[4] роҳи фарсанг пеши сипоҳ,

1. ИЛ – Шаби тира ҷавшан
2. Л – дар
3. И – сӯи ғору
4. И – Бар он

www.sattor.com

Фузун аз ду фарсанг пеши сипоҳ
Ҳаме дидбон буд бероҳу роҳ.

Чунин то ба наздикии Тайсафун,
Талоя ҳаме ронд пеш-андарун.

Ба лашкаргаҳ омад гузашта се пос,
Зи Қайсар набудаш ба дил-дар ҳарос.

Аз он марз бишнид овози кас,
Ғави посбонону бонги ҷарас.

Пур аз хайма он[1] дашту хиргоҳ буд,
Аз он тохтан худ кӣ огоҳ буд?

Зи май маст Қайсар ба пардасарой,
Зи лашкар набуд андар он марз ҷой.

Чу гетӣ чунон дид[2] Шопури гурд,
Инони каӣ борагиро супурд,

Сипаҳро ба лашкаргаҳ андаркашид,
Бизад дасту гурзи гарон баркашид.

Ба абр андаромад дами карраной,
Ҷарангидани гурзу ҳиндидарой.

Деҳодеҳ баромад зи ҳар паҳлӯе,
Чакочок бархост аз ҳар сӯе.

Ту гуфтӣ ҳаме осмон битракад,[3]
Зи хуршед хун бар ҳаво барчакад.[4]

Дурахшидани[5] ковиёнӣ дирафш,
Шаби тираву теғҳои бунафш,

Ту гуфтӣ ҳаво теғ борад ҳаме,
Ҷаҳон яксара меғ дорад ҳаме.

1. Л – як
2. И – Чу дид он чунон кор
3. Л – бардарид,
4. Л – барчакид.
5. Л – Дурафшидани

www.sattor.com

Зи гарди сипаҳ кӯҳ шуд нопадид,
Ситора ҳаме доман андар кашид.

Саропардаи Қайсари беҳунар
Ҳаме кард Шопур зеру забар.[1]

Ба ҳар гӯшае оташ андарзаданд,
Ҳаме осмон бар замин барзаданд.[2]

Саранҷом Қайсар гирифтор шуд,
В-аз ӯ ахтари нек безор шуд.

В-аз он хаймаҳо номдорони ӯй,
Далеру гузидасаворони ӯй

Гирифтанд бисёру карданд банд,
Чунин аст кирдори чархи баланд.

Гаҳе з-ӯ фароз ояду гаҳ[3] нишеб,
Гаҳе шодмониву гоҳе[4] ниҳеб.

Беозориву мардумӣ беҳтар аст,
Туро[5] кирдгори ҷаҳон ёвар аст.

Чу шуд рӯзу шаб доман андаркашид,
Дирафши хур омад зи боло падид,

Бифармуд Шопур, то шуд дабир,
Қалам хосту қиртосу мушку абир.

Набиштанд нома ба ҳар кишваре,
Ба ҳар подшоҳеву ҳар меҳтаре.

Сари нома кард офарини ниҳон[6]
Зи мо бод бар Кирдгори ҷаҳон,

1. ТПЗМ – Беандоза куштанд румисавор,
Фузун аз даҳу ду ҳазорон шумор.
2. ТПИМ – Бикуштанд бисёр аз он румиён,
Ҳама дашт буд пушту дасту миён.
3. Л – дар фарозу гаҳе
4. Л – шодмону гаҳе дар
5. ИЛ – Киро
6. Л – гуфт офарини меҳон,

www.sattor.com

Ки ӯрост бар некуӣ дастрас,
Ба нерӯ ниёзаш наёяд ба кас.

Ҳам ӯ офаринандаи рӯзгор,
Ба некӣ ҷуз ӯ нест омӯзгор.

Чу Қайсар, ки фармони Яздон бихишт,
Ба Эрон ба ҷуз тухми зуфтӣ[1] накишт.

Ба зорӣ ҳаме банд сояд кунун,
Чу ҷонро набудаш хирад раҳнамун.

Ҳамон тоҷи Эрон сазоро[2] супурд,
Зи гетӣ ба ҷуз номи зиштӣ набурд.

Гусиста шуд он лашкару боргоҳ,
Ба нерӯи Яздон, ки бинмуд роҳ.

Ҳар он кас, ки ёбед[3] румӣ ба шаҳр,
Зи шамшер бояд, ки ёбанд баҳр.

Ҳама дод ҷӯеду фармон кунед,
Ба наввӣ[4] зи сар боз паймон кунед.

Ҳаюне биёмад ба ҳар сӯ давон
Або номаи шоҳи равшанравон.

Зи лашкаргаҳ омад сӯи Тайсафун,
Беозор бингаст бо раҳнамун.

Чу тоҷи ниёкон ба сар барниҳод,
Зи додори некидиҳиш кард ёд.

Бифармуд, то шуд ба зиндон дабир,
Ба қиртос бинвишт номи асир.

Ҳазору саду ду[5] тан омад шумор,
Бузургони Рум, он ки буд номдор,

1. Л – зиштӣ
2. ИЛ – ба ҳақвар
3. Л – бошад зи
4. Л – хубӣ
5. ИЛ – даҳ

www.sattor.com

Ҳама хешу пайванди Қайсар буданд,
Ба Рум-андарун вижа меҳтар буданд.

Ҷаҳондор бубридашон дасту пой,
Ҳар он кас,[1] ки буд бар бадӣ раҳнамой.

Бифармуд, то Қайсари Румро
Биёранду[2] солори он бумро.[3]

Бишуд рӯзбон, дасти Қайсар гирифт,
Зи зиндон биёвард зор, эй шигифт.

Ҷафопеша чун тоҷи[4] Шопур дид,
Сиришкаш зи дида[5] ба рух барчакид.

Бимолид рухсораро[6] бар замин,
Ҳаме кард бар тоҷу тахт офарин.

Заминро саросар ба мижгон бируфт,
Ба рӯю[7] ба тан гашт бо хок ҷуфт.

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй сиришти бадӣ!
Ки тарсоиву душмани Эздӣ!

Писар гӯӣ онро, ки анбоз нест,
Зи гетиш фарҷому оғоз нест.[8]

Надонист гуфтан сухан ҷуз дурӯғ,
Дурӯғ оташи[9] бад бувад, бефурӯғ.

Агар Қайсарӣ, курму[10] роят куҷост?!
Ба хубӣ дили раҳнамоят куҷост?!

1. Л – онро
2. ИЛ – Биёранд
3. ТП – Яке хилъат аз баҳри полезбон,
Биёросту з-он шод кардаш равон.
4. Л – рӯи
5. Л – мижгон
6. Л – рангинрухаш
7. Л – ришу
8. ТПЗ – Фиребандаӣ, сахт девонаӣ,
Бадӣ, баднажодӣ, на фарзонаӣ.
9. ИЛ – оташе
10. ИЛ – шарму

www.sattor.com

Чаро бандам аз хоми хар сохтӣ?!
Ба хорӣ[1] ба хок-андар андохтӣ?!

Чу бозоргонон ба базм омадам,
На бо кӯсу лашкар ба разм омадам.

Ту меҳмон ба хоми хар андаркашӣ,[2]
Ба Эрон гироиву лашкар кашӣ.[3]

Бубинӣ кунун кори[4] мардони мард,
К-аз ин пас наҷӯӣ ба Эрон набард».

Бад-ӯ гуфт Қайсар, ки «Эй шаҳрёр!
Зи фармони Яздон кӣ ёбад гузор?

Зи ман тахти шоҳӣ хирад дур кард,
Танамро[5] бари дев муздур кард.

Мукофоти бад гар кунӣ некувӣ,
Ба гетӣ-дарун достоне шавӣ,

Ки ҳаргиз нагардад куҳан номи ту,
Барояд зи[6] мардӣ ҳаме[7] коми ту.

Агар ёбам аз ту ба ҷон зинҳор,
Ба чашмам шавад ганҷу динор хор.

Яке банда бошам ба даргоҳи шоҳ,[8]
Наҷӯям ҷуз ороиши гоҳи шоҳ.[9]

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй бади бадҳунар,
Чаро кардӣ ин бум зеру забар[10]?!

1. Л – Бузургӣ
2. Л – кунӣ,
3. Л – кунӣ.
4. Л – банди
5. Л – Равонам.
6. Л – ба
7. Л – ҳама
8. ИЛ – ту,
9. ИЛ – ту.
10. ТПИЛМ – Кунун* ҳар чӣ бурдӣ зи Эрон асир,
Ҳама боз хоҳам зи ту ногузир.

* Л - Дигар

www.sattor.com

Дигар хоста ҳар чӣ бурдӣ ба Рум,
Мабодо, ки бинӣ ту он шумбум.

Ҳама яксар аз хона бозоварӣ,
Бад-ин лашкари сарфароз оварӣ.

Аз Эрон дигар ҳар чӣ вайрон шудаст,
Куноми палангону шерон шудаст,

Саросар барорӣ ба динори хеш,
Биёбӣ мукофоти кирдори хеш.

Дигар ҳар кӣ куштӣ аз эрониён
Биҷӯӣ ба Рум аз нажоди каён.

Ба як тан даҳ аз Рум товон диҳӣ,
Равонрову ҷонро гаравгон[1] диҳӣ.

Нахоҳам ҷуз аз марди қайсарнажод,
Ки бошанд бо ман бад-ин бум шод.

Дигар, ҳар чи з-Эрон буридӣ дарахт,
Набуррад дарахти касон некбахт,

Бикориву деворҳо баркунӣ,
Зи дилҳо магар хашм камтар кунӣ.

Кунун ман ба банде бубандам туро,
Зи чарми харон кай писандам туро?!

Гар ин ҳар чӣ гуфтам,[2] наёрӣ ба ҷой,
Бидарранд чармат зи сар то ба пой!»[3]

Ду гӯшаш ба ханҷар ба ду шох кард,
Ҳамон бинияш низ[4] сӯрох кард.

Маҳоре ба бинии ӯ барниҳод,
Чу Шопур аз он чарми хар кард ёд.

1. ИЛ – Равонро ба ҳар кор бурхон
2. Л – гуфтӣ
3. ТПЗ – В-аз он пас, ки ин як ба як баршумурд,
Ҷаҳонгир Шопур бо даст бурд.
4. Л – Ба як ҷой биниш

www.sattor.com

Ду банди гарон барниҳодаш ба пой,
Бибурдаш ҳамон рӯзбон боз ҷой.

ЛАШКАР КАШИДАНИ ШОПУР БА РУМ ВА РАЗМИ Ӯ БО БАРОДАРИ ҚАЙСАР

Аразгоҳу девон биёростанд,
Калиди дари ганҷҳо хостанд.

Сипоҳ анҷуман карду рӯзӣ бидод,
Сараш пур зи кину дилаш пур зи бод.

Аз Эрон ҳаме ронд то марзи Рум,
Ҳар он кас, ки буд андар он марзу бум,

Бикуштанду хона[1] ҳаме сӯхтанд,
Ҷаҳоне зи[2] оташ барафрӯхтанд.

Чу огоҳӣ омад зи Эрон ба Рум,
Ки вайрон шуд он марзу ободбум,

Гирифтор шуд Қайсари номдор
Шаби тира андар сафи корзор.

Саросар ҳама Рум гирён шуданд,
В-аз овози Шопур бирён шуданд.

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки ин бад кӣ кард?
Магар Қайсар он ноҷавонмард мард?

Зи Қайсар яке кеҳ бародар-ш буд,
Падар мурдаву[3] зинда модар-ш буд,

Ҷавоне куҷо Ёнусаш буд ном,
Ҷаҳонҷӯву бахшандаву шодком.

Шуданд анҷуман лашкарӣ бар дараш
Дирам дод пархошхар модараш.

1. ИЛ – ҷонаш
2. Л – ба
3. Л – мурда буд,

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт: «Кини бародар бихоҳ,
Набинӣ, ки омад зи Эрон сипоҳ».

Чу бишнид Ёнус, бичӯшиду гуфт,
Ки кини бародар нашояд нуҳуфт!

Бизад кӯсу овард берун салиб,
Салиби[1] бузургу саворе[2] маҳиб.

Сипаҳро чу рӯй андаромад ба рӯй,
Беором шуд мардуми киначӯй.

Рада баркашиданду бархост ғав,
Биёмад дамон Ёнуси пешрав.

Сипаҳро ба як рӯй бар кӯҳ буд,
Дигар об з-он сон, ки анбӯҳ буд.[3]

Баромад яке абру гарди сиёҳ,
К-аз он тирагӣ дида гум кард роҳ.

Бар ин гуна то гашт хуршед зард,
Зи ҳар сӯ ҳаме гашт боди набард.

Бикуштанд чандон, ки рӯи замин
Шуд аз ҷавшани куштагон оҳанин.

Чу аз қалб Шопур лашкар биронд,
Чапу росташ вижагонро бихонд.

---

1. И – Салиби
2. Л – сипоҳе
3. ТПЗ – Баромад хурӯшидани дору гир,
Ҳамон оташи ханҷару гурзу тир.
Зи гарди саворон ҳаво шуд бунафш,
Дурахшон синону дурафшон дирафш.
Ситора бар он ҷанг наззора буд,
Ки ҳам кину ҳам гоҳи беғора буд.
Бубастанд гурдони румӣ миён,
Бар он ҷанг яксар чу шери жиён.
Замин оҳанин шуд, ҳаво ложвард,
Ба абр-андар омад сари тирагард.
Ту гуфтӣ ҳаво абр дорад ҳаме,
В-аз он абр алмос борад ҳаме.
Ҳамон лашкари шоҳи эрониён
Бубастанд хун рехтанро миён.

www.sattor.com

Чу бо меҳтарон гарм кард асп шоҳ,
Замин гашт ҷунбону печон сипоҳ.

Сӯи лашкари румиён ҳамла бурд.
Бузургаш яке буд бо марди хурд.

Бидонист Ёнус, ки поёби ӯй
Надорад, гурезон бупечанд рӯй.[1]

Пас-андар ҳаме тохт Шопур гурд,
Ба гард аз ҳаво равшаноӣ бибурд,

Ба ҳар ҷойгаҳ-бар яке тӯда кард,
Заминҳо ба мағзи сар олуда кард,

Аз он лашкари Рум чандон бикушт,
Ки як дашт сар буд бо пою пушт.

Ба ҳомун сипоҳу чалипо намонд,
Ба дижҳо салибу сакубо намонд.

Зи ҳар ҷой чандон ғанимат гирифт,
Ки лашкар ҳаме монд андар шигифт.

Бубахшид яксар ҳама бар сипоҳ,
Ҷуз аз ганҷи Қайсар набуд баҳри шоҳ,

Ки ӯ дид ранҷе аз он ганҷи ӯй,
На ҳамгӯшаи ганҷ буд ранҷи ӯй.

Ҳама лашкари Рум гирд омаданд,
Зи Қайсар ҳаме достонҳо заданд,

Ки моро чун ӯ низ меҳтар мабод,
Ба Рум-андарун номи Қайсар мабод!

Биёварду биншонд наздики хеш,
Бигуфт он суханҳои борики хеш.

Яке нома бинвишт пурофарин
Зи додор бар шаҳрёри замин,

1. ТПЗ – Пас аз б. 479 ин б. омада:
Яке мард буд аз нажоди меҳон,
Ҳам аз тухмаи номвар қайсарон.

www.sattor.com

Ки ҷовид тоҷи ту поянда бод,
Ҳама меҳтарон пеши ту банда бод!

Ту донӣ, ки тороҷу хун рехтан,
Чи бо бегунаҳ мард[1] овехтан

Миҳони сарафроз доранд шум
Чи бо марзи[2] Эрон, чи бо марзи Рум.

Гар ин кин зи Эраҷ будаст аз нахуст,
Манучеҳр кард он ба мардӣ дуруст.

Тани Салм аз он кин кунун хок шуд,
Ҳам аз Тур рӯи замин пок шуд.

В-агар кини Доросту Искандаре,
Куҳан шуд ба Рум-андарун доварӣ.

Мар ӯро ду дастури бад кушта буд,
Ва дигар к-аз ӯ бахт баргашта буд.

В-агар кин зи Қайсар физояд ҳаме,
Ба зиндони ту банд сояд ҳаме.

Набояд, ки вайрон шавад буми Рум,
Ки чун Рум ҳаргиз набудаст бум.

В-агар ғорату куштанат буд рой,
Ҳама Рум гаштанд бедасту пой.

Зану кӯдаконшон асири туанд,
В-агар хастаи теғу тири туанд,

Гаҳ омад, ки камтар кунӣ кину хашм,
Ки ҳаргиз наёяд ба ҳам дину хашм.

Фидои ту бодо ҳама хоста,
К-аз ин кин ҳама ҷон шавад коста.

Ту дил хуш куну шаҳр чандин масӯз,
Набояд, ки рӯз андар[3] ояд ба рӯз.

1. Л – мардум
2. Л – шаҳри.
3. И – рӯзи ту

www.sattor.com

Набошад писанди ҷаҳонофарин,
Ки бедод ҷӯяд ҷаҳондору кин.

Дуруди ҷаҳондор бар шоҳ бод,
Баланд ахтараш афсари моҳ бод!

Нависанда[1] бинҳод пас хомаро,
Чу андарнавишт ин[2] каӣ номаро

Ниҳоданд пас мӯҳри Қайсар бар ӯй,
Фиристода бинҳод зӣ шоҳ рӯй.

Биёмад хирадманду нома бидод
Зи Қайсар ба Шопури фаррухнажод.

Чу он нома бар[3] номвар хонданд,
Суханҳои нағзаш барафшонданд,

Бубахшуду дида пур аз об кард,
Буруҳои ҷангиш бетоб[4] кард.

Ҳам андар замон нома посух навишт,
Бигуфт, он куҷо рафта буд хубу зишт,

Ки меҳмон ба чарми хар-андар кӣ дӯхт,
Кӣ бозори кини куҳан барфурӯхт?

Ту гар бихрадӣ, хезу пеши ман ой,
Худу файласуфони покизарой.

Чу зинҳор додам, насозем[5] ҷанг,
Ҷаҳон нест бар марди ҳушёр танг.

Фиристода баргашту посух бибурд,
Суханҳо якояк бар ӯ баршумурд.

1. И – Набисанда
2. И – набишт он
3. Л – Чу нома бари
4. ИЛ – ҷангӣ пур аз тоб
5. Л – наёзам ба

www.sattor.com

РАФТАНИ БАРОНӮШ ПЕШИ ШОПУР ВА ПАЙМОН БАСТАН БО Ӯ

Баронӯш чун посухи нома дид,
Зи шодӣ дили поки ӯ бардамид.

Бифармуд, то номдорони Рум,
Бирафтанд сад мард аз он тозабум.

Дирам бор карданд харвор шаст,
Ҳам аз гавҳару ҷомаҳои нишаст.[1]

Зи динор ганҷе зи бахри нисор
Фароз омад аз ҳар сӯе сад[2] ҳазор.

Ҳама меҳтарон назди шоҳ омаданд,
Бараҳнасару бекулоҳ омаданд.

Чу динор пешаш фурӯ рехтанд,
Бигустурда зар, гавҳарон[3] бехтанд.

Бибахшуд Шопуру бинвохтшон,
Ба хубӣ бар андоза биншохтшон.

Баронӯшро гуфт, к-аз[4] шаҳри Рум
Биёмад яке[5] марди бедору шум.

Ба Эронзамин он ки буд шорсон,
Ҳама кард акнун пур аз хорсон.

Иваз хоҳам онро, ки вайрон шудаст,
Куноми палангону шерон шудаст.

Баронӯш гуфто: «Чӣ хоҳӣ, бигӯй,
Чу зинҳор додӣ, мабартоб рӯй».

Чунин дод посух гаронмоя шоҳ,
Ки хоҳӣ, ки яксар бубахшам гуноҳ,

1. Л – Ҳамон гавҳару бораи барнишаст.
2. Л – сӣ
3. Л – зар-бар гуҳар
4. Л – гуфт:. «Аз
5. Л – басе

www.sattor.com

Зи динори румӣ ба соле се бор,
Ҳаме бож бояд ду раҳ сад[1] ҳазор.

Дигар он ки бошад Насибин маро,
Чу хоҳӣ, ки кӯтаҳ шавад[2] кин маро.

Баронӯш гуфто, ки Эрон туроcт,
Насибину дашти далерон туроcт.

Пазируфтам аз баҳрат ин божу сов,
Ки бо хашму кинат надорем тов.

Набиштанд аҳде зи Шопуршоҳ,
К-аз он пас наронад зи Эрон сипоҳ.

Магар бо сазовориву хуррамӣ,
Куҷо Румро з-он наёбад камӣ.

В-аз он пас гусӣ карду бинвохтшон,
Сарони гиромӣ барафрохтшон.

Чу эшон бирафтанд, лашкар биронд,
Ҷаҳонофаринро фаровон бихонд.

Ҳаме рафт шодон ба Истахри Порс,
Ки Истахр буд бар замин фахри Порс.

Чу андар Насибин хабар ёфтанд,
Ҳама ҷангро тез биштофтанд,

Ки моро набояд, ки Шопуршоҳ
Насибин бигирад, биёрад сипоҳ,

Ки дини Масеҳо надорад дуруст,
Раҳи[3] габригӣ варзаду Жанду[4] Уст.

Чу ояд, зи мо барнагирад сухан,
Нахоҳем Устову дини куҳан.

1. ИЛ – ҳазорон
2. И – кунӣ
3. И – Занду; Л – Ҳама дини Зардушт Занд асту
4. И – набиштанд нома бари.

www.sattor.com

Забардаст шуд мардуми зердаст,
Ба кин марди динӣ бад-ин барнишаст.

Чу огоҳӣ омад ба Шопуршоҳ,
Ки андар Насибин надоданд роҳ,

Зи дини Масеҳо барошуфт шоҳ,
Сипоҳе фиристод бемар ба роҳ.

Ҳаме гуфт пайғамбаре, к-аш ҷуҳуд
Кушад, дини ӯро нашояд ситуд.

Ба як ҳафта он ҷо ҳаме ҷанг буд,
Дари шаҳр бар ҷангиён танг буд.

Бикуштанд аз эшон фаровон сарон,
Ниҳоданд бар зинда барди гарон.

Ҳаме хостанд он замон зинҳор,
Навиштанд нома сӯи[1] шаҳриёр.

Бибахшудашон номбардор шоҳ,
Бифармуд, то бозгардад сипоҳ.[2]

Ба ҳар кишваре номдорӣ гирифт,
Ҳаме[3] бар ҷаҳон комгорӣ гирифт.

Ҳаме хондандиш пирӯзшоҳ,
Ҳаме буд якчанд бо тоҷу гоҳ.

Канизак, ки ӯро раҳонида буд,
Бад-он комгорӣ расонида буд,

Дилафрӯзи Фаррухпаяш[4] ном кард,
Зи хубон мар ӯро дилором кард.

Ҳамон боғбонро басе хоста
Бидоду гусӣ кардаш ороста.

1. Л – гарданд зи роҳ
2. Л – Ҷаҳоне
3. М – Ҳаме
4. Л – худ Фаррухаш.

www.sattor.com

Ҳаме буд Қайсар ба зиндону банд,
Ба зориву хориву захму газанд.[1]

Ба Рум-андарун ҳарчи будаш зи ганҷ,
Фароз оварида зи ҳар сӯ ба ранҷ,

Биёварду яксар ба Шопур дод,
Ҳаме зист якчанд лаб пур зи бод,

Саранҷом дар банду зиндон бимурд,
Кулоҳи меҳӣ Қайсареро[2] супурд,

Чунин гуфт, к-«Ин аст фарҷоми мо,
Надонам куҷо бошад ороми мо?

Якеро ҳама зуфтиву аблаҳист,
Якеро хирадмандиву фарраҳист.

Бар ину бар он рӯз ҳам бугзарад,[3]
Хирадманд мардум чаро ғам х(в) рад».[4]

Чу Шопуршо корҳо кард рост,
Ҳама кини эрониён боз хост,[5]

Ба тахти каён андаровард пой,
Ҳаме буд чанде ҷаҳонкадхудой.

В-аз он пас сӯи кишвари Хузиён
Фаровон фиристод[6] суду зиён.

Зи баҳри асирон яке шаҳр кард,
Ҷаҳонро аз он бум пурбаҳр кард.

Куҷо Хуррамобод буд номи шаҳр,
Аз он буми хуррам киро буд баҳр?

Касеро, ки аз пеш[7] бубрид даст,
Бад-ин марз будиш ҷойи нишаст.

---

1. ИЛ – захми каманд.
2. Л – шаҳӣ дигареро
3. Л – бугзарад рӯзгор,
4. Л – Хунук мардуми поки парҳезгор.
5. Л – б. 563 нест.
6. ИЛ – Фиристод бисёр
7. Л – тан-ш

www.sattor.com

Бару буми он яксар онро будӣ,
Сари соли нав хилъате бистадӣ.

Яке шорсон кард дигар ба Шом,
Ки Пирӯзшопур гуфтиш ном.

Ба Аҳвоз кард он севум шорсон,
Бад-ӯ-андарун коху беморсон.

Куноми асирон-ш карданд ном,
Асир андар ӯ ёфтӣ хобу ком.

Зи шоҳиш бугзашт панҷоҳ сол,
Ки андар замона набудаш ҳамол.

ОМАДАНИ МОНӢ ВА ДАЪВОИ ПАЙҒАМБАРӢ КАРДАН

Биёмад яке марди гӯё зи Чин,
Ки чун ӯ мусаввир набинад замин,

Бад-он чарбдастӣ расида ба ком,
Яке пурманиш мард Монӣ ба ном,

«Ба суратгарӣ,- гуфт, - пайғамбарам,
Зи диноварони ҷаҳон бартарам».

Зи Чин назди Шопур шуд, бор хост,
Ба пайғамбарӣ шоҳро ёр хост.

Сухан гуфт марди кушодазабон,
Ҷаҳондор шуд з-он сухан бадгумон.

Сараш тез[1] шуд, мӯбадонро бихонд,
Замоне фаровон суханҳо биронд,

К-аз ин марди чинии чиразабон[2]
Фитодастам аз дини худ[3] дар гумон,[4]

1. Л – тира
2. Л – ширинзабон; И – гурди чинии чиразабон
3. Л –ӯ
4. И – ӯ бадгумон.

www.sattor.com

Бигӯеду ҳам з-ӯ сухан бишнавед,
Магар худ ба гуфтори ӯ бигравед.

Бигуфтанд, к-ин марди суратпараст
На бар мояи мӯбадонмӯбад аст.

Замоне сухан бишнав, ӯро бихон,
Чу бинад варо, кай кушояд забон.

Бифармуд, то мӯбад омад-ш пеш,
Сухан гуфт бо ӯ аз андоза беш.[1]

Фурӯ монд Монӣ миёни сухан
Зи[2] гуфтори мӯбад, зи дини куҳан.

Бад-ӯ гуфт, к- «Эй марди суратпараст,
Ба Яздон чаро охтӣ хира[3] даст?

Касе к-ӯ баланд осмон офарид,
Бад-ӯ-дар макону замон офарид,

Куҷо нуру зулмат бад-ӯ андар аст?
Зи ҳар гавҳаре гавҳараш бартар аст.

Шабу рӯз гардон сипеҳри баланд,
К-аз ӯят[4] паноҳ асту ҳам з-ӯ[5] газанд.[6]

Ба бурҳони сурат чаро бигравӣ?
Ҳаме панду дини маро[7] нашнавӣ?!

Ки гӯянда гӯяд, ки Яздон якест,
Ҷуз аз бандагӣ карданат чора нест.[8]

---

1. ТПЗ – Худу мӯбадон ҳар ду наздики шоҳ
Сухан ронданд аз сапеду сиёҳ.
2. И- Ба
3. И – тохтӣ чира
4. Л – Аз ӯят
5. ИЛ – з-ӯят
6. Л – Пас аз б. 589 ин б. омада:
Ҳама кардаи Кирдгор асту бас,
Чун ӯ кард натвонад ин карда кас.
7. Л – панди диноварон
8. Л – б. 591 нест.

www.sattor.com

Гар ин сурати карда ҷунбон кунӣ,
Сазад, гар зи ҷунбанда бурҳон кунӣ.

Надонӣ, ки бурҳон набошад ба кор,
Надорад касе ин сухан устувор.

Агар Аҳриман ҷуфти Яздон будӣ,
Шаби тира чун рӯзи рахшон будӣ.

Ҳамасола[1] будӣ шабу рӯз рост,
Ба гардиш фузунӣ набудӣ,[2] на кост.

Нагунҷад ҷаҳонофарин асту бас,[3]
Бад-ин бар набояд туро ёр кас».[4]

Суханҳо чунин низ бисёр гуфт,
Ки бо донишу мардумӣ буд ҷуфт.

Фурӯ монд Монӣ зи гуфтори ӯй,
Бипажмурд шодоб бозори ӯй.

Замоне барошуфт пас шаҳрёр,
Бар ӯ танг шуд гардиши рӯзгор.

Бифармуд пас, то-ш бардоштанд,
Ба хорӣ зи даргоҳ бугзоштанд,

Чунин гуфт, к-«Ин марди суратпараст
Нағунҷад ҳаме дар сарои нишаст,

Ки ошӯби гетӣ саросар бад-ӯст,
Бибояд кашидан саропой пӯст,

Ҳамон чармаш оганда бояд ба коҳ,
Бад-он то наҷӯяд кас ин пойгоҳ.

Биёвехтанд аз дари[5] шорсон,
В-агар пеши[6] девори беморсон.

1. И – Ҳама сол
2. И – набуду
3. Л – аст, рост.
4. Л – Бар ин - бар набояд туро бозхост.
5. Л – Биёвез бар дор бар
6. Л – В-агарна зи

www.sattor.com

Бифармуд чунон, ки фармуд шоҳ,
Биёвехтандаш бад-он ҷойгоҳ.[1]

Ҷаҳоне бар ӯ офарин хонданд,
Ҳаме хок бар кушта афшонданд.

ВАЛИАҲД КАРДАНИ ШОПУР АРДАШЕР БАРОДАРИ ХУДРО

Зи Шопур аз он гуна шуд рӯзгор,
Ки дар боғ бо[2] гул надиданд хор.

Зи доду зи рою зи фарҳанги ӯй,
Зи бас кӯшишу бахшишу ҷанги ӯй

Мар ӯро ба ҳар бум душман намонд,
Бадиро ба гетӣ нишеман намонд.

Чу навмед гашт ӯ зи чархи баланд,
Ки шуд солиёнаш ба ҳафтоду анд.

Бифармуд, то пеши ӯ шуд дабир
Або мӯбадонмӯбаду[3] Ардашер.

Ҷавоне ки кеҳтар бародар-ш буд,
Ба доду хирад бар сар афсар-ш буд.

Писар буд яке хурд Шопур ном,
Ҳамон норасида зи ахтар ба ком.

Чунин гуфт пас шоҳ бо Ардашер,
Ба пеши бузургону пеши дабир,

Ки «Гар бо ман аз дод паймон кунӣ,
Забонро зи паймон гаравгон кунӣ,

Ки фарзанди ман чун ба мардӣ расад,
Ки боди бузургӣ бар ӯ барвазад,

1. ИЛ – б. 606 нест.
2. Л – бар.
3. Л – мӯбади мӯбадон.

www.sattor.com

Супорӣ бад-ӯ ганҷу тахту сипоҳ,
Ту дастур бошӣ варо некхоҳ,

Ман ин тоҷи шоҳӣ супорам ба ту,
Ҳамон ганҷу лашкар гузорам ба ту».

Бипазруфт[1] аз ӯ ин сухан Ардашер,
Ба пеши бузургони барнову пир,[2]

Ки чун кӯдаки ӯ ба мардӣ расад,
Ки дайҳиму тахти кайиро сазад,

Супорад[3] ҳама подшоҳӣ варо,
Нахоҳад[4] ҷуз аз некхоҳӣ варо.

Чу бишнид Шопур, пеши меҳон
Бад-ӯ дод дайҳиму мӯҳри ҷаҳон.

Чунин гуфт пас шоҳ бо Ардашер,
Ки «кори ҷаҳон бар дил осон магир,[5]

Бидон, эй бародар, ки бедоди шоҳ
Пайи подшоҳӣ надорад нигоҳ.

Ба огандани ганҷ ёзон бувад,
Ба зуфтӣ сари сарфарозон бувад.

Хунук шоҳи бododи яздонпараст,
К-аз ӯ шод бошад дили зердаст.

Ба доду ба бахшиш фузунӣ кунад,
Ҷаҳонро[6] бад-ин раҳнамунӣ кунад.

Нигаҳ дорад аз душманон кишвараш,
Ба абр андарорад сару афсараш,

Ба доду ба ором ганҷ оганад,
Ба бахшиш зи дил ранҷ бипроганад.

---

1. Л – Пазируфт
2. Л – донишпазир.
3. Л – Супорам
4. Насозам
5. ТП – Супурдам ба ту тоҷу тахти меҳӣ,
   Чунин гуфт: «Фармонбарам чун раҳӣ».
6. Л – Ҷаҳоне

www.sattor.com

Гуноҳ аз гунаҳгор бугзоштан,
Раҳи мардумиро нигаҳ доштан.

Ҳар он кас, ки ӯ ин ҳунарҳо бичуст,
Хирад бояду ҳазму ройи дуруст.

Бибояд хирад шоҳро ногузир,
Ҳам омӯзиши[1] марди барнову пир.

Гунаҳкор бошад тани зердаст,
Магар мардуми поку[2] яздонпараст.[3]

Дилу мағзи мардум ду шоҳи тананд,
Дигар олат аз тан сипоҳи тананд.

Чу мағзу дили мардум олуда гашт,
Ба навмедӣ аз рой полуда гашт.

Бад-он тан дар осема гардад равон,
Сипаҳ чун бувад[4] шод бе паҳлавон,[5]

Чу равшан набошад, бипарроканад,
Тани беравоне[6] ба хок афканад.

Чунин ҳам чу шуд шоҳ бедодгар,
Ҷаҳон з-ӯ шавад пок зеру забар.

Бар ӯ - бар пас аз марг нафрин бувад,
Ҳамон номи ӯ шоҳи бедин бувад.

Бад-ин дор чашму бад-ин дор хашм,
Ки ӯяст дорандаи хашму чашм.

---

1. Л – омурзиши
2. ИЛ – поки
3. ТПЗИЛ – Агар з-ӯ дили шоҳ кин оварад,
   Ҳама рахна дар доду дин оварад.
4. Л – зияд
5. ИЛ – Пас аз б. 637 ин б. омада:
   Дили подшо чун гирояд ба меҳр,
   Бар ӯ комҳо тоза дорад сипеҳр.
   Чу фарзанд бошад варо зердаст,
   В-аз ӯ шоддил марди яздонпараст.
6. Л – беравонро

www.sattor.com

Ҳар он подшо к-ӯ ҷуз ин роҳ ҷуст,[1]
Зи гетӣ дилу даст бояд-ш[2] шуст.

Зи кишвар-ш бипроканад зердаст,
Ҳамон аз дараш марди хусравпараст.

Набинӣ, ки доно чӣ гӯяд ҳаме?
Дилатро зи кажжӣ бишӯяд ҳаме?[3]

Накӯҳида бошад ҷафопеша мард,
Ба гирди дари оздорон магард.

Бидон, эй бародар, ки аз шаҳрёр,
Биҷӯяд хирадманд ҳар гуна кор,

Яке он ки пирӯзгар бошад ӯй,
Зи душман натобад гаҳи ҷанг рӯй.

Дигар он ки лашкар бидорад ба дод,
Бидонад фузунии марди нажод.

Касе, к-аз дари подшоҳӣ бувад,
Нахоҳад, ки меҳтар сипоҳӣ бувад.

Се дигар, ки дорад ба дил ростӣ,
Наёрад ба дод-андарун костӣ.[4]

Чаҳорум, ки бо зердастони хеш,
Ҳамон бо куҳан дарпарастони хеш.

Надорад дари ганҷро баста сахт,
Ҳаме борад аз шох бори дарахт.

Набояд дари подшо бесипоҳ,
Сипаҳро дари ганҷ дорад нигоҳ.

Агар ганҷат обод дорӣ ба дод,
Ту аз ганҷ шоду сипоҳи ту шод.

1. Л – инро биҷуст,
2. И – Зи гетиш бояд дилу даст; Л – Зи некиш бояд дилу даст
3. ТПИЛ – Ки ҳар шоҳ, к-ӯро ситоиш бувад,
Ҳама кораш андар физоиш бувад.
4. Л – б. 650 нест.

www.sattor.com

Силеҳи тан[1] ороиши хеш дор,
Бувад, к-ат шаби тира ояд ба кор.

Пас, эмин машав бар нигаҳдори хеш,[2]
Чу эмин бувӣ, рост кун кори хеш.

Саранҷом марг оядат бегумон,
Агар тираӣ, гар[3] чароғи замон»,

Бародар чу бишнид, чанде гирист,
Чу андарз бинвишт, соле бизист.

Бирафту бимонд ин сухан ёдгор,
Ту андар ҷаҳон тухми зифтӣ[4] макор,

Ки охир ҳаме рӯзи ту бугзарад,
Чунон бурдаранҷи ту душман х(в)арад.

Чу оини Ҳурмузду Баҳман бувад,
Бар ин кохи Фаррух нишеман бувад.

Майи лаъл пеш оварам,[5] ҳошимӣ[6]
Зи хумме, ки ҳаргиз[7] нагирад камӣ.

Чу шасту се солам шуду гӯш кар,
Зи гетӣ чаро ҷӯям оину фар?!

Кунун достонҳои шоҳ Ардашер
Бигӯям, ту гуфтори ман ёд гир.

1. Л – Силоҳу дил
2. Л – Сазад
3. Л – тира гардад
4. Л – зиштӣ
5. Л – овару
6. И – эй ҳошимӣ,
7. Зи бешӣ, ки чашмат; И – Зи ҷое, ки хуммаш

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ АРДАШЕРИ НЕКӮКОР

Дувоздаҳ сол буд

БАР ТАХТ НИШАСТАНИ АРДАШЕР ВА АНДАРЗ КАРДАН БАР САРДОРОНИ ЭРОН

Чу биншаст бар тахт[1] шоҳ Ардашер,
Биёрост он гоҳи[2] Шопури пир.

Камарбаста эрониёнро бихонд,
Бар он пояи тахти заррин нишонд.

Чунин гуфт, к-аз даври чархи баланд,
Нахоҳам, ки бошад касеро газанд.

Ҷаҳон гар шавад ром бар[3] коми ман,
Набинед чизе ҷуз[4] ороми ман.

В-ар эдун, ки бо мо насозад ҷаҳон,
Бисозем мо бо ҷаҳони ҷаҳон.

Бародар, ҷаҳон вижа моро супурд,
Азеро, ки фарзанди ӯ буд хурд.[5]

Фиристем ҷони варо офарин,
Ки аз бадсиголон бишуст он замин.

Чу Шопури Шопур гардад баланд,
Шавад назди ӯ тоҷу тахт арҷманд,

1. ИЛ – гоҳ
2. Л – тахти
3. Л – бо
4. Л – Бубинед тезиву
5. Л – Чу аз боғ барканду бо дахма бурд.

www.sattor.com

Супорам бад-ӯ тоҷу ганҷу[1] сипоҳ,
Ки паймон чунин кард Шопуршоҳ.

Ман ин тахтро пойкори ваям,[2]
Ҳамон аз падар ёдгори ваям.[3]

Чунон дон, ки хӯрдему бар мо гузашт,
Чу мурдӣ, ҳама ранҷи тан бод гашт.

Чу даҳсола[4] гетӣ ҳаме дошт рост,
Бихӯрду бубахшид, чандон ки хост.

Наҷуст аз касе божу сову хироҷ,
Ҳаме ройгон дошт он гоҳу тоҷ.

Мар ӯро накӯкор з-он хонданд,
Ки ҳар кас таносон аз ӯ монданд.

Чу Шопур гашт аз дари тоҷу гоҳ,
Мар ӯро супурд он ҳуҷаста кулоҳ.

Нагашт он диловар зи паймони хеш,
Ба мардӣ нигаҳ дошт сомони хеш.

---

1. Л – гоҳу
2. И – пойгор оварам,
3. И – ёдгор оварам;
   ТПИМ – Шумо яксара дод ёд оваред,
   Бикӯшеду оини дод оваред.
4. ИЛ – даҳ сол

www.sattor.com

ФЕҲРИСТИ ФУСУЛИ ҶИЛДИ ҲАФТУМ

Достони Рустам ва Шағод 5
Оғози достон 5
Рафтани Рустам ба Кобул аз баҳри бародараш Шағод 7
Чоҳ кандани шоҳи Кобул дар шикоргоҳ ва фитодани Рустам ва Завора дар он 14
Куштани Рустам Шағодро ва мурдан 17
Огоҳӣ ёфтани Зол аз кушта шудани Рустам ва Завора ва овардани Фаромарз тобути эшонро ва ба дахма ниҳодан........ 21
Лашкар кашидани Фаромарз ба кини Рустам ва куштани ӯ шоҳи Кобулро 26
Беҳуш гаштани Рудоба аз сӯги Рустам........ 28
Супурдани Гуштосп шоҳӣ ба Баҳман ва мурдан........ 30

Подшоҳии Баҳмани Исфандёр 32
Кин хостани Баҳман аз баҳри хуни Исфандёр........ 32
Дар банд андохтани Баҳман Золро 34
Разми Фаромарз бо Баҳман ва кушта шудани Фаромарз........ 38
Раҳо кардани Баҳман Золро ва бозгаштан ба айвон........ 40
Ба занӣ гирифтани Баҳман Ҳумой духтари хешро ва валиаҳд карданаш........ 43

Подшоҳии Ҳумой 45
Гузоштани Ҳумой писари худ Доробро ба дарёи Фурот дар сандуқ........ 45
Парвардани гозур Доробро 48
Пурсидани Дороб нажоди худ аз зани гозур ва ҷанг овардан ба румиён 52
Огоҳ шудани Рашнавод аз кори Дороб........ 56
Разми Дороб бо лашкари Рум 59
Шинохтани Ҳумой писарро........ 63
Бар тахт нишондани Ҳумой Доробро 66

Подшоҳии Дороб........ 70
Сохтани Дороб шаҳри Доробгирдро 70
Шикастани Дороб лашкари Шуайбро........ 72
Разм кардани Дороб бо Файлақус ва ба занӣ гирифтан духтарашро........ 73
Боз фиристодани Дороб духтари Файлақусро ба Рум ва зодани Искандар аз ӯ........ 77

www.sattor.com

Подшоҳии Доро писари Дороб 81
Мурдани Файлақус ва бар тахт нишастани Сикандар............ 82
Омадани Сикандар ба расулии хеш назди Доро 86
Разми Доро бо Искандар ва шикаст ёфтани Доро 92
Разми дуввуми Доро бо Искандар............ 94
Разми северуми Искандар бо Доро ва гурехтани Доро ба Кирмон............ 98
Номаи Доро ба Искандар дар бораи оштӣ............ 102
Кушта шудани Доро ба (дасти) дастурони худ............ 104
Андарз кардани Доро бо Искандар ва мурдан............ 107
Нома навиштани Искандар назди бузургони Эрон 113

Подшоҳи Сикандар............ 118
Оғози достон. Нишастани Сикандар бар тахти Эрон............ 118
Номаи Искандар назди Дилорой – модари Равшанак............ 122
Посухи номаи Сикандар аз Дилорой 124
Ба занӣ гирифтани Сикандар Равшанакро............ 127
Хоб дидани Кайд подшоҳи Каннуҷ............ 130
Посух додани Меҳрон Кайдро 134
Лашкар кашидани Сикандар сӯи Кайд............ 141
Посухи номаи Сикандар аз Кайди ҳиндӣ ба мужда
фиристодани чаҳор чизи шигифт 142
Боз фиристодани Сикандар фиристодаро барои
дарёфтани чаҳор чизи шигифт............ 144
Фиристодани Сикандар нӯҳ марди доно барои дидани
чаҳор чизи шигифт 146
Овардани нӯҳ марди доно чаҳор чиз аз Кайди ҳиндӣ ба
назди Искандар............ 149
Озмудани Искандар файласуфу пизишку ҷоми Кайд 151
Омудани Искандар пизишки Ҳиндустонро 155
Озмудани Искандар ҷоми Кайдро 158
Номаи Искандар ба Фури ҳиндӣ............ 160
Посухи номаи Искандар аз Фур 162
Лашкар оростани Искандар ба разми Фур............ 164
Ҷанги Искандар бо ҳиндувон ва кушта шудани Фур бар дасти ӯ............ 169
Рафтани Сикандар ба зиёрати хонаи Каъба............ 174
Лашкар кашидани Искандар сӯи Миср 176
Номаи Искандар назди Қайдофа 179
Гирифтор шудани писари Қайдофа ба дасти румиён 181
Рафтани Искандар ба расулӣ сӯи Қайдофа 185
Панд додани Қайдофа Искандарро 191
Чора намудани Сикандар бо Тайнуш 194
Ошуфтани Тайнуш – писари Қайдофа бар Сикандар ва
чора намудани Сикандар бо ӯ 195
Паймони Искандар бо Қайдофа ва бозгаштани ӯ............ 200
Рафтани Искандар ба шаҳри бараҳманон 207
Рафтани Сикандар ба дарёи Ховар ва ба замини Ҳабаш 213

www.sattor.com

Расидани Сикандар ба замини Ҳабаш ва ҷанг кардан ва фирӯзӣ ёфтан 216
Расидани Искандар ба шаҳри Нармпоён ва куштани аждаҳо 217
Дидани Сикандар шигифтиҳо ба шаҳри Ҳарум 222
Лашкар ба мағриб рондани Искандар 229
Ҷустани Искандар оби ҳайвон....230
Гуфтугӯи Искандар бо мурғон 233
Дидани Сикандар Исрофилро 234
Бастани Искандар садди Яъҷуҷ ва Маъҷуҷ 236
Дидани Сикандар мурдаро дар айвони Ёқути Зард 241
Дидани Сикандар дарахти гӯёро 242
Рафтани Искандар ба наздики Фағфури Чин 247
Расидани Искандар ба кишвари Синд ва ҷанг кардан....254
Лашкар кашидани Искандар сӯи Бобул 257
Номаи Искандар назди Аристолис ва посух ёфтан 260
Номаи Искандар ба наздики модар ва андарз кардан....264
Мурдани Искандар ба Бобул 267
Шевани ҳакимон бар Искандар....270
Шеван кардани модар ва зани Искандар бар ӯ 273
Гила кардани Фирдавсӣ аз пирӣ ва даҳр 275

Подшоҳии Ашкониён....278
Гуфтор андар ситоиши Султон Маҳмуд 287
Ашкониён. Оғози достон 281
Хоб дидани Бобак дар кори Сосон 282
Зодани Ардашери Бобакон 286
Омадани Ардашери Бобакон ба даргоҳи Ардавон 288
Дидани Гулнор Ардашерро ва мурдани Бобак 292
Гурехтани Ардашер бо Гулнор....295
Огоҳӣ ёфтани Ардавон ва кори Гулнор ва Ардашер 297
Нома навиштани Ардавон ба Баҳман – писари худ дар бораи гирифтани Ардашер 301
Гирд кардани лашкар Ардашер....302
Ҷанг кардани Ардашер бо Баҳман ва фирӯзӣ ёфтан....305
Ҷанги Ардашер бо Ардавон ва кушта шудани Ардавон 308
Ҷанги Ардашер бо курдон 312
Шабехун кардани Ардашер ба сари курдон ва шикаст додан эшонро....315
Достони кирми Ҳафтвод 316
Разми Ардашер бо Ҳафтвод ва шикаст ёфтани Ардашер....322
Тороҷ додани Меҳраки Нӯшзод хонаи Ардашерро....323
Огоҳӣ ёфтани Ардашер аз кори кирм ва чора намудан ва куштани ӯ кирмро 325
Куштани Ардашер кирми Ҳафтводро....329
Куштани Ардашер Ҳафтводро 334

www.sattor.com

Подшоҳи Сосониён 337
Подшоҳи Ардашери Бобакон 337
Ба тахт нишастани Ардашер..337
Саргузашти Ардашер бо духтари Ардавон 338
Зодани Шопури Ардашер 341
Зодани Шопур-писари Ардашер аз духтари Ардавон ва пас
аз ҳафт сол огоҳӣ ёфтани Ардашер аз он ва шинохтан ӯро........................343
Гӯй задани Шопур ва шинохтани ӯро падар 346
Фол пурсидани Ардашер аз Кайди ҳиндӣ...350
Ба занӣ гирифтани Шопур духтари Меҳракро...353
Зодани Урмузди Шопур аз духтари Меҳрак 356
Тадбир сохтани Ардашер дар кори подшоҳӣ...361
Андарз кардани шоҳ Ардашер меҳтарони Эронро 370
Андарз кардани Ардашер мардумонро...373
Ситудани Харрод Ардашерро 377
Сухан дар бевафоии рӯзгор...378
Супурдани Ардашер кори подшоҳиро ба Шопур 379

Подшоҳии Шопури Ардашер...389
Бар тахт нишастани Шопур...389
Размի Шопур бо румиён 392
Андарз кардани Шопур писари худро Урмуздро...395

Подшоҳи Урмузди шопур 397
Андарз кардани Урмузд ва мурдан 399

Подшоҳии Баҳроми Урмузд 404
Бар тахт нишастани Баҳром ва андарз кардан ба
сардорон ва сипарӣ шудани рӯзгораш 404
Тахт супурдани Баҳром Урмузд писари худро
Баҳроми Баҳром ва мурдан..406

Подшоҳи Баҳроми Баҳром 408
Бар тахт нишастани Баҳроми Баҳром ва андарз кардан
ба сардорон ва мурданаш 408

Подшоҳии Баҳроми Баҳромиён 411
Бар тахт нишастани Баҳроми Баҳромиён ва мурданаш
пас аз чор моҳ 411

Подшоҳии Нарсии Баҳром 413
Бар тахт нишастани Нарсӣ ва панд гуфтан ба писар ва
сипарӣ шудани рӯзгораш 413

www.sattor.com

Подшоҳии Урмузди Нарсӣ 416
Бар тахт нишастани Урмузд – писари Нарсӣ ва сипарӣ шудани рӯзгораш 416

Подшоҳии Шопури Зулактоф 419
Зодани Шопури Урмузд чиҳил рӯз пас аз марги падар ва тоҷвар шуданаш 419
Бурдани Тоири араб духтари Нарсиро ва рафтани Шопур ба разми ӯ 422
Ошиқ шудани Молика – духтари Тоир ба Шопур 424
Ба дасти Шопур додани Молика дижи Тоир ва кушта шудани Тоир 426
Рафтани Шопур ба Рум ва Қайсари Рум ба пӯсти хар дӯхтан ӯро 430
Раҳондани канизак Шопурро аз чарми хар 435
Гурехтани Шопур зи Рум ва расидан ба шаҳри Эрон 439
Шинохтани эрониён Шопурро ва гирд кардани ӯ сипоҳ............................443
Огоҳӣ ёфтани мӯбад ва паҳлавон аз омадани Шопур ва рафтани эшон бо сипоҳ назди ӯ 445
Шабехун задани Шопур ва гирифтани Қайсари Рум..................................447
Лашкар кашидани Шопур ба Рум ва разми ӯ бо бародари Қайсар 455
Рафтани Баронӯш пеши Шопур ва паймон бастан бо ӯ 460
Омадани Монӣ ва даъвии пайғамбарӣ кардан...464
Валиаҳд кардани Шопури Ардашер бародари худро 467

Подшоҳии Ардашери Некӯкор..472
Бар тахт нишастани Ардашер ва андарз кардан бар сардорони Эрон.......472

www.sattor.com

АБУЛҚОСИМ
ФИРДАВСӢ

ШОҲНОМА

ҶИЛДИ VIII

ДУШАНБЕ,
«АДИБ»
2009

www.sattor.com

ББК 83,3(0)9+83,3 (2 тоҷик)
А-19

Таҳияи матн ва луғату тавзеҳот аз
КАМОЛ АЙНӢ** ва **ЗОҲИР АҲРОРӢ

Муҳаррир
Мубашшир Акбарзод

А-19 ***Абулқосим Фирдавсӣ*. Шоҳнома**. — Душанбе: «Адиб», 2009. -480 саҳ.

Ба хонандаи азиз чопи севуми "Шоҳнома"-и безаволи Ҳаким Фирдавсӣ, ки бо кӯшиши таҳиягарони матни он омода гаштааст, пешкаш мегардад. Муҳаққиқон дар ин нашр аз нусхаҳои дигари "Шоҳнома" истифода кардаанд, ки ин арзиши корашонро бештар мекунад.

ISBN 978-99947-32-84-5

© Нашриёти "Адиб", 2009.

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ ШОПУР ИБНИ ШОПУР

Панҷ солу чор моҳ буд

БАР ТАХТ НИШАСТАНИ ШОПУР ИБНИ ШОПУР ВА АНДАРЗ КАРДАНАШ БА САРДОРОН

Чу Шопур биншаст бар ҷои ам,
Аз Эрон басе шоду чанде[1] дижам.

Чунин гуфт, к-«Эй[2] номвар бихрадон,
Ҷаҳондидаву ройзан мӯбадон,

Бидонед, к-он кас, ки гӯяд дурӯғ,
Аз он пас нагирад бари мо фурӯғ.

Дурӯғозмоӣ набошад зи[3] рой,
Ки аз рой монад[4] бузургӣ ба ҷой.

Ҳамон мардуми[5] сифларо дӯстдор
Наёбӣ[6], ба боғ-андарун хав[7] макор.[8]

Касеро куҷо мағз бошад басе,
Гавожа набояд задан бар касе.

Забонро нигаҳдор бояд будан,
Набояд равонро ба заҳр ожадан,

1. Л – баҳре
2. Л – бо
3. И – Дурӯғозморо набошад-ш
4. Л – бошад
5. ИЛ – мар тани
6. И – Нахоҳӣ,
7. И – ҷав
8. Л – чун нигор.

www.sattor.com

Ки бар анҷуман марди бисёргӯй
Бикоҳад зи гуфтори хеш обрӯй.

Агар донишимард гӯяд[1] сухан,
Ту бишнав, ки дониш нагардад куҳан.

Дили марди томеъ бувад пур зи[2] дард,
Ба гирди тамаъ, то тавонӣ, магард.

Макун дӯстӣ бо дурӯғозмой,
Ҳамон низ бо марди нопокрой.

Сиришти рад[3] аз чор гавҳар бувад,
Ки бо мард ҳар чор дарх(в)ар[4] бувад.

Яке пурҳунар бод бошарму дод,
Ба озодагӣ якдилу якниҳод.

Севум, к-ӯ миёна гузинад зи кор,
Писанд оядаш бахшиши рӯзгор.

Чаҳорум, наронад сухан аз газоф,
Зи бедонишӣ ном ҷӯяд зи лоф.

Ду гетӣ биёбад дили марди род,
Набошад дили мардуми сифла шод.

Бад-ин гетӣ-андар бувад ном зишт,
Бад-он гетӣ-андар наёбад биҳишт.[5]

Ба гетӣ намонад ҳаме марди лоф,
Ки бипроганад хоста бар газоф.

Ситуда касе, к-ӯ миёна гузид,
Тани хешро офарин густарид.

Шуморо ҷаҳонофарин ёр бод,
Ҳамеша сари бахт бедор бод.

1. ИЛ – ронад
2. Л – зери
3. ИЛ – тан
4. И – оташ аз ин чор камтар; Л - оташ дар ин чор камтар
5. И – б. 16, 17 нест.

www.sattor.com

Ҷаҳондорамон бод фарёдрас,
Ки тахти бузургӣ намонад ба кас».

Бигуфт ину аз пеш бархостанд,
Зи Яздон бар ӯ офарин хостанд.

Чу шуд солиён панҷ бо чор моҳ,
Бишуд шоҳ рӯзе ба нахчиргоҳ.

Ҷаҳон пур шуд аз бозу юнозу саг,
Чи паррандаву чи даванда ба таг.

Ситора заданд аз бари хобгоҳ,
Чу чизе бихӯрду биёсуд шоҳ.

Се ҷом аз майи хусравонӣ бих(в)ард,
Пурандеша шуд, сар сӯи хоб кард.

Пароканда гаштанд ёрон ҳама,
Чу дар хоб шуд шаҳриёри рама.

Бихуфт ӯву аз дашт бархост бод,
Ки кас бод аз он сон надорад ба ёд.

Фурӯбурда чӯби ситора биканд,
Бизад бар сари шаҳрёри баланд.

Ҷаҳонҷӯй Шопури ҷангӣ бимурд,
Кулоҳи кайӣ дигареро супурд.

Бисозу бинозу бибозу[1] маранҷ,
Чӣ ёзӣ ба кину чӣ нозӣ ба ганҷ?[2]

Ки баҳри ту ин аст аз ин тира гӯй,
Ҳунар ҷӯву рози ҷаҳонро маҷӯй.

Ки гар бозёбӣ, бупечӣ зи дард,
Пажӯҳиш макун, гирди розаш магард.[3]

---

1. Л – Манозу матозу маёзу; И – Масозу манозу май ору
2. ТПЗ – Ҷаҳони ҷаҳон бар чунин аст соз,
Намонад ба кас ҷуз бад-он мӯҳрабоз,
Ки дар ҳуққабозӣ бувад шӯхрӯй,
Рабояд аз ину ниҳад зери ӯй.
3. И – Пас аз б. 33 ин б. омада:
Ҷаҳонро чунин аст расму ниҳод,
Набошад зи кораш хирадманд шод.

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ БАҲРОМ ПИСАРИ ШОПУР

Чордаҳ сол буд

БАР ТАХТ НИШАСТАНИ БАҲРОМ ВА АНДАРЗ КАРДАН БА САРДОРОН

Хирадманду шоиста Баҳромшоҳ,
Ҳаме дошт сӯги падар чанд гоҳ.[1]

Чу биншаст бар ҷойгоҳи меҳӣ,
Чунин гуфт бар тахти шоҳаншаҳӣ,

Ки «Ҳар шоҳ, к-аз дод ганҷ оганад,
Бидонед, к-он ганҷ напроганад.[2]

Зи мо Эзади пок хушнуд бод,
Бадандешро дил пур аз дуд бод.

Ҳама дониш ӯрост, мо бандаем,
Ки коҳандаву ҳам физояндаем.

Ҷаҳондор Яздон бувад додрост,
Ки нафзуд[3] дар подшоҳӣ, на кост.[4]

Касе к-ӯ ба бахшиш тавоно бувад,
Хирадманду бедору доно бувад,

Набояд, ки бандад дари ганҷ сахт,
Бавижа худованди дайҳиму тахт.

В-агарчанд бахшӣ зи ганҷи сухун,
Барафшон, ки дониш биёяд[5] ба бун.

Зе неку бадиҳо ба Яздон гирой,
Чу хоҳӣ, ки некит монад ба ҷой.

---

1. ТПМ – Писар буд Шопуршаҳро яке,
Ба дониш фаровон, ба сол андаке.
2. И – бипроганад.
3. Л – бифзуд
4. И – б. 5, 6 нест.
5. Л – наёяд

www.sattor.com

Агар з-ӯ шиносӣ ҳама хубу зишт,
Биёбӣ ба подош хуррамбиҳишт,

В-агар баргузинӣ зи гетӣ ҳаво,
Бимонӣ ба чанги ҳаво бенаво.[1]

Чунин аст умедам ба Яздони пок,
Ки чун сар биёрам бад-ин тирахок,

Ҷаҳондор пирӯз дорад маро,
Ҳамон гетиафрӯз дорад маро.

Гар андар ҷаҳон дод бипроганем,
Аз он беҳ, ки бе дод ганҷ оганем,

Ки эдар бимонад ҳаме ранҷи мо,
Ба душман расад бегумон ганҷи мо.

Баду нек монад зи мо ёдгор,
Ту тухми бадӣ, то тавонӣ, макор!»

Чу шуд соли он подшаҳ бар ду ҳафт,
Бинолиду он[2] сарви нозон биҷафт.[3]

Ба якчанд гаҳ дер бемор буд,
Дили кеҳтарон[4] пур зи тимор буд.

Набудаш писар ҳеҷ,[5] духтар-ш буд,
Яке кеҳтар аз вай бародар-ш буд.[6]

Бад-ӯ дод он гоҳ ганҷу сипоҳ,
Ҳамон мӯҳри шоҳиву тахту кулоҳ.

Ҷаҳондори барно зи гетӣ бирафт,
Бар ӯ солиён баргузашта ду ҳафт.

---

1. ТПЗЛ – Чу Яздон бидорад зи ту даст боз,
Ҳамеша бимонӣ ба гурму гудоз.
2. И – Биболиду чун
3. И – бихафт.
4. И – меҳтарон
5. ИЛ – панҷ
6. ТПМ – Куҷо Яздгирдаш ниҳоданд ном,
Ҷавоне сарафрози ҷӯяндаком.
Бифармуд, то шуд бараш Яздгирд,
Сипаҳро саросар ҳама кард гирд.

www.sattor.com

Аё шасту сесола марди куҳан,
Ту аз бода то чанд ронӣ сухан?!

Ҳам он рӯзи ту ногаҳон бугзарад,
Дари тавба бугзину роҳи хирад.

Ҷаҳондор аз ин банда хушнуд бод,
Хирад моя боду сухан суд бод,

Ки ӯ дар сухан мӯй кофад ҳаме,
Ба торикӣ-андар бибофад[1] ҳаме.

Гар эдун суханҳо, ки андаргирифт,
Ба пирӣ сар орад, набояд[2] шигифт.

Ба фарри[3] шаҳаншоҳи шамшерзан,
Ба боло сараш бартар аз анҷуман.

Замона ба коми шаҳаншоҳ бод,
Сари тахти ӯ афсари моҳ бод.

Аз ӯ бод тахти шаҳӣ шодком,
К-аз ӯяст кому бад-ӯяст ном.

Бузургиву дониш варо роҳ бод!
В-аз ӯ дасти бадхоҳ кӯтоҳ бод![4]

---

1. Л – шикофад
2. И – набошад; надорад
3. Л – номи
4. ТПМ – Ҳамин давлати шоҳ Маҳмуд бод,
   Сари тахти ӯ афсари ҷуд бод!

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ ЯЗДГИРДИ БАЗАГАР

Бисту як сол буд

БАР ТАХТ НИШАСТАНИ ЯЗДГИРД

Чу шуд подшо бар ҷаҳон Яздгирд,
Сипаҳро зи шаҳр андаровард гирд.

Кулоҳи бародар ба сар барниҳод,
Ҳаме буд аз он марги ношод шод.

Чунин гуфт бо номдорони шаҳр,
Ки «Ҳар кас, ки аз дод доред[1] баҳр,

Нахустин ниёиш ба Яздон кунед,[2]
Дил аз доди мо шоду хандон кунед.[3]

Бадонро намонам, ки доранд ҳуш,
Агар даст ёзанд бадро ба кӯш.[4]

Касе, к-ӯ биҷӯяд зи мо ростӣ,
Биёромад аз каҷживу костӣ,

Ба ҳар ҷой ҷойи вай афзун кунем,
Зи дил кинаву[5] оз берун кунем.

Сиголиш наҷӯем[6] ҷуз бо радон,
Хирадманду бедордил мӯбадон.

Касеро куҷо бар тан[7] оҳу бувад,
Равонаш зи ҳастӣ банерӯ бувад,

Ба бечорагон-бар ситам созад ӯй,
Гар аз чиз гардан барафрозад ӯй,

Бикӯшему нерӯ-ш берун кунем,
Ба дарвеш мо нозиш афзун кунем.

---

1. Л – ёбанд; И – доранд
2. ИЛ – кунанд,
3. ИЛ – кунанд.
4. Л – Магар он ки андарз доранд гӯш.
5. Л – кина бо
6. ИЛ – нагӯем
7. Д – дил пур

www.sattor.com

Касе, к-ӯ напарҳезад аз хашми мо,
Ҳаме бугзарад тез бар чашми мо,

Ҳаме бистар аз хок ҷӯяд танаш,
Ҳамон ханҷари ҳиндувӣ гарданаш.

Ба фармони мо чашм равшан кунед,
Хирадро бар ин разм ҷавшан кунед.

Тани ҳар касе гашт ларзон чу бед,
Ки гӯполу шамшерашон буд умед.

Чу шуд бар ҷаҳон подшоҳиш рост,
Бузургӣ фузун гашту меҳраш бикост.[1]

Хирадманд наздики ӯ хор гашт,
Ҳама расми шоҳиш бекор гашт.

Куноранг бо паҳлавону радон,
Ҳамон донишӣ пурҳунар[2] бихрадон

Яке гашт бо бод наздики ӯй,
Ҷафопеша шуд ҷони торики ӯй.

Сутурда шуд аз ҷони ӯ меҳру[3] дод,
Ба ҳеҷ орзу низ посух надод.

Касеро набуд назди ӯ пойгоҳ,
Ба зудӣ мукофот кардӣ гуноҳ,

Ҳар он кас, ки дастур буд бар дараш,
Физояндаи афсару ахтараш,

Ҳама аҳд карданд бо якдигар,
Ки ҳаргиз нагӯянд аз он буму бар.

Ҳама яксар аз бим пеҷон шуданд,
Зи ҳавли шаҳаншоҳ беҷон шуданд.

1. ИЛ – накост.
2. Л – донишӣ бо ҳунар
3. Л – Сутургӣ гирифт ӯ ба меҳру ба

www.sattor.com

Фиристодагон, к-омадандӣ зи роҳ,
Ҳамон зердастони зинҳорхоҳ.[1]

Чу дастур аз он огаҳӣ ёфтӣ,
Бад-он корҳо тез биштофтӣ.

Ба гуфтор гарму ба овоз нарм,
Фиристодаро рой додӣ ба шарм.

Бигуфтӣ, ки шоҳ аз дари кор[2] нест,
Шуморо бад-ӯ роҳи дидор нест.

Намудам бад-ӯ, ҳарчи дархостӣ,
Ба фармон-ш лабро наёростӣ.[3]

ЗОДАНИ БАҲРОМ ПИСАРИ ЯЗДГИРД

Зи шоҳиш бугзашт чун ҳафт сол,
Ҳама мӯбадон з-ӯ ба ранҷу вабол.

Сари соли ҳаштум, маҳи фарвадин,
Ки пайдо кунад дар ҷаҳон ҳури дин,

Яке кӯдак омад-ш ҳурмуздрӯз
Ба некахтару фоли гетифурӯз.

Мар ӯро[4] падар кард[5] Баҳром ном,
В-аз он кӯдаки хурд шуд шодком.

Падар бар ситорашумар ҳар кӣ буд,
Ки шоист гуфтори эшон шунуд.

Яке моявар буд бофарруҳуш,
Сари ҳиндувон буд, номаш Суруш.

Яке порсӣ буд, Ҳушёр ном,
Ки бар чарх кардӣ ба дониш лагом.

Бифармуд, то пеши шоҳ омаданд,
Ҳушивору ҷӯяндароҳ омаданд.

1. ИЛ – фарёдгоҳ.
2. Л – бор
3. Л – пайдо шавад ростӣ.
4. Л – Ҳамон гаҳ
5. И – падар кардаш аз меҳр

www.sattor.com

Ба суллоб карданд аз ахтар[1] нигоҳ,
Ҳам аз зиҷи румӣ биҷустанд роҳ.

Аз ахтар чунон дид ҷӯё ниҳон,[2]
Чу ӯ шаҳрёре бувад дар ҷаҳон,

Абар ҳафт кишвар бувад[3] подшо,
Яке шоддил бошаду порсо.

Бирафтанд пӯён бари шаҳрёр,
Ҳама зичу суллобҳо бар канор.

Бигуфтанд бо тоҷвар Яздгирд,
Ки дониш зи ҳар гуна кардем гирд.

Чунон ёфтем аз шумори сипеҳр,
Ки дорад бад-ин кӯдаки хурд меҳр.

Мар ӯро бувад ҳафт кишвар замин,
Гаронмоя шоҳе бувад б-офарин.[4]

Чу эшон бирафтанд аз он боргоҳ,
Раду мӯбаду покдастур шоҳ,

Нишастанду ҷустанд ҳар гуна рой,
Ки то чораи он биёяд ба ҷой.

Гар ин кӯдаки хурд хӯйи падар
Нагирад, шавад хусрави додгар.

Гар эдун, ки хӯйи падар дорад ӯ,[5]
Ҳама бум зеру забар дорад ӯ.[6]

На мӯбад бувад шоду на паҳлавон,
На ӯ дар ҷаҳон шоду равшанравон.

Ҳама мӯбадон назди шоҳ омаданд,
Кушодадилу некхоҳ омаданд.

---

1. Л – з-ахтар
2. Л – хуррамниҳон,
3. ИЛ – шавад
4. ТПИМ – Зи гуфторашон шод шуд шаҳрёр,
   Бубахшидашон гавҳари шоҳвор.
5. ИЛ – ӯй,
6. ИЛ – ӯй.

www.sattor.com

Бигуфтанд, к-ин кӯдаки пурманиш
Зи беғора дур асту аз сарзаниш.

Ҷаҳон сарбасар пеши[1] фармони туст,
Ба ҳар кишваре божу паймони туст.

Нигаҳ кун ба ҷое, ки дониш бувад,
Зи донанда кишвар ба ромиш бувад.

Зи пурмоягон доягоне гузин,
Ки бошад зи кишвар бар ӯ офарин.

Ҳунар гирад ин шоҳи хуррамниҳон,
Зи фармони ӯ шод гардад ҷаҳон.

Чу бишнид аз он мӯбадон Яздгирд,
Зи кишвар фиристодагон кард гирд.

Ҳамон гаҳ фиристод касҳо ба Рум,
Ба Ҳинду ба Чину ба ободбум.

Ҳамон номдоре[2] сӯи тозиён
Бишуд, то бубинад[3] зи суду зиён.

Ба ҳар сӯ ҳаме рафт хонандае,
Ки Баҳромро парваронандае

Бичӯяд сухангӯву донишпазир,[4]
Пажӯҳандаи ахтару[5] ёдгир.

Биёмад зи ҳар кишваре мӯбаде,
Ҷаҳондидаву[6] некпай бихраде,

Якояк[7] бад-ин боргоҳ омаданд,
Пажӯҳанда наздики шоҳ омаданд.

Бипурсид бисёру бинвохтшон,
Ба ҳар барзане ҷойгаҳ сохтшон.

---

1. ИЛ – зери
2. И – номдорон; Л-ҳам аз номдорон
3. ИЛ – набинад
4. Л – сухангӯи ромишпазир,
5. Л – Сухангӯву ҳар донише
6. И – Ҷаҳондида
7. ИЛ – Чу яксар

www.sattor.com

Бирафтанд Нӯъмону Мунзар ба шаб,
Басе номвар найзадор аз араб.

Бузургон чу дар Порс гирд омаданд,
Бари номвар[1] Яздгирд омаданд.

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки мо бандаем,
Ба фармони хусрав шитобандаем.[2]

Кӣ ёбад чунин рӯзгор аз меҳон,
Ки тобанда[3] фарзанди[4] шоҳи ҷаҳон

Ба бар гираду дониш омӯзадаш,
Дил аз тирагиҳо биафрӯзадаш.[5]

Зи румиву аз ҳиндиву порсӣ,
Нуҷумиву гар[6] мардуми ҳандасӣ,

Ҳам аз[7] файласуфони бисёрдон,
Сухангӯву аз[8] мардуми кордон

Ҳама сар ба сар хоки пойи ваем,[9]
Ба дониш ҳама раҳнамои ваем.[10]

Нигар, то писандат кӣ ояд ҳаме,
В-агар судмандат кӣ ояд ҳаме?

Чунин гуфт Мунзар, ки «Мо бандаем,
Худ андар ҷаҳон шоҳро зиндаем.

Ҳунарҳои мо шоҳ донад ҳама,
Ки ӯ чун шубон асту мо чун рама,

Саворему гурдему аспафканем,
Касеро, ки доно бувад, бишканем.

1. Л – тоҷвар
2. ИЛ – суханбишнавему сар ояндаем.
3. Л – боиста
4. И – фарзанди шоиста
5. Л – барафрӯзадаш
6. Л-аз; И – нуҷумигару
7. Л - Ҳамон: И – Ҳама
8. Л – сухангӯй в-аз
9. ИЛ – туем,
10. ИЛ – туем.

www.sattor.com

Ситорашумар нест аз мо касе,
Ки аз ҳандаса баҳр дорад басе.

Пур аз меҳри шоҳ аст моро равон,
Ба зер-андарун тозиаспон[1] давон.

Ҳама пеши фарзанди ӯ[2] бандаем,
Бузургии ӯро ситояндаем.

СУПУРДАНИ ЯЗДГИРД ПИСАРАШ БАҲРОМРО БА МУНЗАР ВА БА НӮЪМОН ВА ПАРВАРИШ КАРДАН ӮРО

Чу бишнид аз ӯ ин сухан Яздгирд,
Равону хирадро баровард гирд.

Нигаҳ кард аз оғоз фарҷомро,
Бад-ӯ дод пурмоя Баҳромро.

Бифармуд, то хилъаташ сохтанд,
Сарашро ба гардун барафрохтанд.

Танашро ба хилъат биёростанд,
Зи дар аспи шоҳи Яман хостанд.

Аз айвони шоҳи ҷаҳон то ба дашт
Ҳаме аспу уштур[3] ва ҳавдаҷ гузашт.

Парастандаву дояи бешумор,
Зи бозоргаҳ то дари шаҳрёр,

Зи дарвоза то пеши даргоҳи шоҳ,
Ҳама баста озин ба бозоргоҳ.[4]

Чу Мунзар биёмад ба шаҳри Яман,
Пазира шудандаш ҳама марду зан.

---

1. Л – тозиаспи
2. Л – ту
3. Л –астару аспу
4. Л – Ба бозоргаҳ баста оин ба роҳ
Зи дарвоза то пеши даргоҳи шоҳ.

www.sattor.com

Чу омад ба оромгоҳ аз нахуст,
Фаровон гузидасаворон[1] биҷуст.

Зи деҳқону тозиву пурмоягон
Тавонгар гузиду гаронмоягон.[2]

Аз он[3] меҳтарон чор зан баргузид,
Ки андар гуҳар буд[4] нажодаш падид.

Ду тозӣ, ду деҳқон зи тухми каён,
Ки бастанд бар доягонӣ миён.

Ҳаме доштандаш чунин чор сол,
Чу шуд серширу бароганд ёл,

Ба душворӣ аз шир карданд боз,
Ҳаме доштандаш ба бар-бар ба ноз.

Чу шуд ҳафтсола, ба Мунзар чӣ гуфт,
Ки он рой бо меҳтарӣ буд ҷуфт.

Чунин гуфт, к- «Эй меҳтари сарфароз,
Зи ман кӯдаки ширхона масоз.

Ба донанда фарҳангиёнам супор,
Ки омад кунун гоҳи омӯзгор».

Бад-ӯ гуфт Мунзар, ки «Эй сарфароз,
Ба фарҳанг нузат наёмад ниёз.

Чу ҳангоми фарҳанг бошад туро,
Ба доноӣ оҳанг бошад туро.

Ба айвон намонам,[5] ки бозӣ кунӣ,
Ба бозӣ ҳаме сарфарозӣ кунӣ».

Чунин посух овард Баҳром боз,
Ки аз ман ту бекорхӯрде[6] масоз.

1. И – гузиданажодон; Л – занони нажодӣ
2. И – гузида гаронмоягон.
3. Л – ин
4. И - омад ҳунар бар
5. Л – бимонам
6. як порахӯрде

www.sattor.com

Маро бихрадӣ ҳаст, агар сол нест,
Ба сони гавонам бару ёл[1] нест.

Туро сол ҳасту хирад камтар аст,
Ниҳоди ман аз ройи ту дигар[2] аст.

Надонӣ, ки ҳар кас, ки ҳангом ҷуст,
Зи кор он гузинад, ки бояд нахуст.

Ту гар боз[3] ҳангом ҷӯӣ ҳаме,
Аз андеша дилро[4] бишӯй ҳаме.

Ҳамон кори бегоҳ[5] бебар бувад,
Беҳин аз тани мардумон[6] сар бувад.

Ҳар он чиз, к-андархури подшост,
Биёмӯзиям, то бидонам сазост.

Сари ростӣ дониш ояд[7] нахуст,
Хунук к-он аз оғоз[8] фарҷом ҷуст.

Нигаҳ кард Мунзар бад-ӯ, хира монд,
Ба зери лабон номи Яздон бихонд.

Фиристод ҳам дарзамон раҳнамун,
Сӯи Сурсон*[9] саркаше бар ҳаюн,

Се мӯбад нигаҳ кард фарҳангҷӯй,
Ки дар Сурсон буд боабрӯй[10].

Яке то дабирӣ биёмӯзадаш,
Дил аз тирагиҳо бияфрӯзадаш.[11]

---

1. И – пару бол
2. Л – бартар
3. Л – пойи
4. ИЛ – Дил аз некӯвиҳо
5. ИЛ – Ҳама кор бекору
6. Л – зиндагон
7. ИЛ – омад
8. И – ки оғозу
9. М – Шӯрсон
10. Л – бувад
11. Л – барафрӯзадаш.

www.sattor.com

Яке он ки донистани бозу[1] юз
Биёмӯзадаш, к-он бувад дилфурӯз.

Ва дигар, ки чавгону тиру камон,
Ҳамон гардиши теғ бо бадгумон.

Чапу рост печон инон доштан,
Миёни ялон гардан афроштан.

Се дигар, ки аз кори шоҳаншаҳон,
Зи гуфтору кирдори корогаҳон[2]

Бигӯяд ба Баҳроми хусравнажод,
Сухан ҳарчи дорад зи гетӣ ба ёд.

Чу он мӯбадон пеши[3] Мунзар шуданд,
Зи ҳар донише достонҳо заданд.

Тани шоҳзода бад-эшон супурд,
Физоянда худ донишӣ буду гурд.

Чунон гашт Баҳроми хусравнажод,
Ки андар ҳунар доди мардӣ бидод.

Ҳунар ҳарчи бугзашт бар гӯши ӯ,
Ба фарҳанг ёзон[4] будӣ[5] ҳуши ӯ.

Чу шуд соли он номвар бар ду[6] шаш,
Диловар гаве гашт[7] хуршедфаш.

Ба мӯбад набудаш ба чизе ниёз,
Ба фарҳангу чавгону ҳам юзу боз,

Ба овардгаҳ-бар инон тофтан,
Барафкандани[8] аспу ҳам тофтан.[9]

1. Л – нахчирбозону
2. Л – б. 114 нест.
3. Л – назди
4. И – нозон
5. Л – тозон шудӣ
6. Л – се
7. Л – буд
8. Л – Парокандани
9. Л – ёфтан.

www.sattor.com

Ба Мунзар чунин гуфт, к-«Эй покрой,
Гусӣ кун ҳунармандро боз ҷой.

Аз он ҳар якеро[1] басе ҳадя дод,
Зи даргоҳи Мунзар бирафтанд шод.

Аз[2] он пас ба Мунзар чунин гуфт шоҳ,
Ки аспони ин найзадорон бихоҳ.

Бигӯ, то бупечанд пешам инон,
Ба чашм андар оранд нӯки синон.

Баҳое кунанд, он чӣ ояд х(в)ашам,
Дирам беш хоҳам,[3] бар эшон кашам».

Чунин посух овард Мунзар бар ӯй,
Ки «Эй пурҳунар хусрави номҷӯй,

Галадори аспони ман пеши туст,
Худованди аспон ба дил хеши туст,

Гар аз тозиён асп хоҳӣ харид,
Маро ранҷу сахтӣ чӣ бояд кашид?»

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Эй некном,
Ба гетит[4] бодо ҳамасола ком.

Ман асп ин[5] гузинам, ки андар нишеб,
Битозам, набинам инон аз ниҳеб.

Чу бо так чунон пойдораш кунам,
Ба Наврӯз бо бод ёраш кунам,

В-агар озмуда набошад сутур,
Нашояд ба тундӣ бар ӯ кард зӯр».

Ба Нӯъмон бифармуд Мунзар, ки «Рав,
Фасила гузин аз галадори нав.

---

1. Л – касеро
2. Л – В-аз
3. Л – чанд хоҳӣ,
4. Л – некит
5. Л – аспбон

www.sattor.com

Ҳама дашти найзасаворон бигард,
Нигар, то кӣ доранд[1] аспи набард.»

Бишуд тез Нӯъмон, сад асп оварид,
Зи аспони ҷанговарон баргузид.

Чу Баҳром дид он, биёмад[2] ба дашт,
Чапу рост печиду чанде бигашт.

Ҳар аспе, ки бо бод ҳамбар шудӣ,
Ҳам он[3] зери Баҳром бебар шудӣ.

Бар ин гуна то баргузид ашқаре,
Яке бодпое, кушодабаре.

Ҳам аз доғи дигар кумайтӣ ба ранг,
Ту гуфтӣ зи дарё даромад[4] наҳанг.

Ҳаме оташ афрӯхт аз наъли ӯ,[5]
Ҳаме хун чакид аз бари лаъли ӯ.[6]

Баҳо дод Мунзар, чу буд арзашон,
Ки дар бешаи Кӯфа буд марзашон.

Бипазруфт Баҳром аз ӯ ин ду асп,
Фурӯзанда бар сони озаргушасп.

Ҳаме дошташ чун яке тозасеб,
Ки аз бод н- ояд [7] бар ӯ-бар ниҳеб.

Ба Мунзар чунин гуфт рӯзе ҷавон,
Ки эй марди боҳанги[8] равшанравон,

Чунин бебаҳона ҳаме дориям,
Замоне ба тимор нагзориям.

1. Л – киро ёбӣ
2. Л – Нӯъмон биёвард аспон
3. Л – Ҳаме
4. Л – баромад
5. Л – ӯй,
6. Л – ӯй.
7. И – н-омад
8. Л- бохирад марди

www.sattor.com

Ҳама, ҳар кӣ бинӣ ту андар ҷаҳон,
Диле нест андар ҷаҳон бениҳон.

Зи[1] андӯҳ бошад рухи мард зард,
Ба[2] ромиш физояд тани родмард.[3]

Тани хубрух ромишафзой бас,
Ки зан бошад аз дард фарёдрас.

Ба зан гирад ором марди ҷавон,
Агар тоҷдор аст, агар паҳлавон.

Ҳамон з – ӯ бувад дини Яздон ба пой,
Ҷавонро ба некӣ бувад раҳнамой.

Канизак бифармой, то панҷ-шаш
Биёранд бозебу хуршедфаш.

Магар з- он яке - ду гузин оядам,
Ҳам андешаи б – офарин оядам.

Магар низ фарзанд бинам яке,
Ки ороми дил бошадам андаке.

Ҷаҳондор хушнуд бошад зи ман,
Ситуда бимонам ба ҳар анҷуман.

Чу бишнид Мунзар зи барно сухан,
Бар ӯ офарин кард марди куҳан.

Бифармуд, то марди пӯянда тафт[4]
Сӯи кулбаи марди наххос рафт.

Биёвард румиканизак чиҳил,
Ҳама аз дари кому ороми дил.

Ду бугзид Баҳром аз он гулрухон,
Ки гул[5] пӯстшон, оҷ буд устухон.

1. Л- Аз
2. Л- Зи
3. Л- Зодмард
4. Л- саъди гӯяндатафт
5. Л – дар

www.sattor.com

Ба боло ба кирдори сарви саҳӣ,
Ҳама кому зебоиву фарраҳӣ.

Аз он ду ситора яке чангзан,
Дигар лоларух чун Суҳайли Яман.

Ба боло чу[1] сарву ба гесӯ каманд,
Баҳо дод Мунзар, чу омад писанд.

Бихандид Баҳрому кард офарин,
Рухаш гашт ҳамчун бадахшӣ[2] нигин.

ДОСТОНИ БАҲРОМ ВА КАНИЗАКИ ЧАНГЗАН ДАР ШИКОР

Ба ҷуз[3] гӯю майдон набудиш кор,
Гаҳе захми чавгону гоҳе шикор.

Чунон буд, ки як рӯз бе анҷуман
Ба нахчиргаҳ рафт бо чангзан.

Куҷо номи он румӣ Озода буд,
Ки ранги рухонаш чу беҷода[4] буд.[5]

Дилороми ӯ буд, ҳам коми ӯ,
Ҳамеша ба лаб доштӣ номи ӯ.

Ба рӯзи шикораш ҳаюн хостӣ,
Ки пушташ ба дебо биёростӣ.

Фурӯ ҳишта з-ӯ чор будӣ рикеб,
Ҳаме тохтӣ дар фарозу нишеб.

Рикобаш ду заррин, ду симин будӣ,
Ҳамон ҳар яке гавҳарогин будӣ.

Ҳамон зери таркаш камон мӯҳра дошт,
Диловар зи ҳар донише баҳра дошт.

1. Л – болой
2. И - Бадахшон
3. Л- Ҷуз аз
4. Л- ба май дода
5. И-б.

www.sattor.com

Ба пеш андаромад- ш оҳу ду ҷуфт,
Ҷавонмард хандон ба Озода гуфт,

Ки «Эй моҳ, чун ман камонро ба зеҳ
Барорам, ба шаст андарорам гиреҳ,

Кадом оҳу афканда хоҳӣ[1] ба тир,
Ки мода ҷавон асту ҳамто-ш пир?»

Чунин гуфт Озода: «Эй[2] шермард!
Ба оҳу наҷӯянд мардон набар-д.

Ту он модаро нару гардон ба тир,
Шавад мода аз тири ту наррапир.

В-аз он пас ҳаюнро барангез тез,
Чу оҳу зи ҷанги ту гирад гурез.

Ҳамон мӯҳра[3] андоз то гӯши хеш,
Ниҳад ҳамчунон хор бар дӯши хеш.

Ҳамон гаҳ зи мӯҳра бихорад-ш[4] гӯш,
Беозор пояш барорад ба дӯш.

Ба пайкон сару пову дӯшаш[5] бидӯз,
Чу хоҳӣ, ки хонам-т гетифурӯз».[6]

Камонро ба зеҳ кард Баҳроми Гӯр
Барангехт з- он дашти арманда шӯр.

Ду пайкон ба таркаш яке тир дошт,
Ба дашт-андар аз баҳри нахчир дошт.

Ҳамон гаҳ ки[7] оҳу шуд андар гурез,
Сипаҳбад суруҳои он нарра тез.

---

1. Л- орам
2. Л- К-э
3. Л- Камонмӯҳра
4. Л-бихорад ду
5. ИЛ- гӯшаш
6. ТМП- Чу бишнид Баҳром аз ӯ ин сухан,
   Ба ёд омадаш гуфтаҳои куҳан.
7. Л – чу

www.sattor.com

Ба тиру ду пайкон зи сар баргирифт,
Канизак бад – ӯ монд андар шигифт.

Ҳам андар замон нар(у)р[1] чун мода гашт,
Сараш з – он сурӯи сияҳ[2] сода[3] гашт.

Ҳамон бар сурӯгоҳи[4] мода ду тир
Бизад ҳамчунон марди нахчигир.

Ду пайкон ба ҷойи сурӯ бар сараш,
Ба хун-андарун лаъл гашта бараш.

Ҳаюнро сӯи ҷуфти дигар битохт,
Ба хамми камон мӯҳра дар мӯҳра сохт.

Ба гӯши яке оҳу андарфиканд,
Писанд омадаш, буд ҷойи писанд.

Бихорид гӯш оҳу, андар замон,
Хаданге ниҳод он замон дар камон.

Сару гӯшу пояш ба як ҷо бидӯхт,
Бар он оҳу Озодаро дил бисӯхт.

Бад- ӯ гуфт: «Чун аст, эй моҳрӯй?»
Равон кард Озода аз дида ҷӯй

Або шоҳ гуфт: «Ин на мардонагист,
На мардӣ, туро хӯйи девонагист».[5]

Бизад даст Баҳром ӯро зи зин,
Нагунсор барзад ба рӯйи замин.

Ҳаюн аз бари моҳчеҳра биронд,
Бару дасту ҷангаш ба хун дарфишонд.[6]

Чунин гуфт, к-Эй бехирад чангзан!
Чӣ боист чандин ба мо – бар шикан?

1. Л- нарра.
2. сурӯҳо ҳаме
3. И – Чунон к-аш ҳамехост Озода
4. И- сурингоҳи
5. ИЛ – б.193, 194 нест.
6. Л – Бизад дасту чангаш ба ҳам дарнишонд.

www.sattor.com

Агар кунд[1] будӣ, кушодӣ[2] барам,
Аз ин захм нангӣ[3] шудӣ гавҳарам.[4]

Чу ӯ зери пойи ҳаюн- дар бимурд,
Ба нахчир аз он пас канизак набурд.

ҲУНАР НАМУДАНИ БАҲРОМ ДАР ШИКОРГОҲ

Дигар ҳафта бо лашкаре сарфароз
Ба нахчиргаҳ рафт бо юзу боз.

Бари бурзи[5] кӯҳе яке шер дид,
Куҷо пушти гӯре ҳаме бардарид.

Баровард зоғи сияҳро ба зеҳ,
Ба тундӣ нишасту се пар зад гиреҳ.

Дили гӯр бардӯхт бо пушти шер,
Пур аз хун ҳизабр аз бару гӯр зер.

Дигар ҳафта Нӯъмону Мунзар ба роҳ,
Ҳамерафт бо ӯ ба ба нахчиргоҳ

Басе номвар мардум аз тозиён,
К- аз эшон будӣ роҳи суду зиён.

Ҳамехост Мунзар, ки Баҳроми Гӯр
Бад- эшон намояд савориву зӯр.

Шутурмурғ диданд ҷойи гала,
Давон ҳар яке чун ҳаюни яла.

Чу Баҳроми Гӯр он шутурмурғ дид,
Ба кирдори боди дамон[6] бардамид.

Камонро бимолид ҷангӣ ба ҷанг,
Бизад бар камар чор[7] тири хаданг.

---

1. И- банд
2. Л- кушоду
3. И – беҳ кай
4. Л- кишварам.
5. Ил – Ба наздики
6. ИЛ – ҳаво.
7. Л - камаргоҳ

www.sattor.com

Якояк ҳаме ронд андар камон,
Бад – ин то сар омад бар эшон замон,

Ҳаме парр(у) бишкофт бар тезтир,[1]
Бад – он сон занад[2] марди нахчиргир.

Ба як сӯзан ин з- он фурӯтар набуд,
Ҳамон тир з-ин тир бартар набуд.

Бирафту бидод, он ки буд номдор,
Ба як мӯй – бар буд захми савор.

Ҳаме офарин хонд Мунзар бар ӯй,
Ҳамон найзадорони пархошҷӯй.

Бад – ӯ гуфт Мунзар, ки- «Эй шаҳрёр,
Ба ту шодмонам чу гулбун ба бор.

Мабодо, ки хам оварад моҳи ту,
В – агар суст гардад камаргоҳи ту»

Ҳамон гаҳ чу Мунзар ба айвон расид,
Зи Баҳром рояш ба кайвон расид.

Фаровон муссавир бичуст аз Яман
Шуданд он сарон бар дараш анҷуман.

Бифармуд, то захми ӯро ба тир
Муссавир нигоре кунад бар ҳарир.

Саворе чу Баҳром боёлу кифт,
Баланд уштуре зеру[3] захме шигифт.

Кушодабару чарбдастеву зӯр,
Камонмӯҳраву оҳуву шеру гӯр.

Шутурмурғу ҳомуну он захми тир
Зи қири сияҳ тоза шуд бар ҳарир.

1. Л- баршикофид паршон ба тир,
2. Л –Бар ин сон кӣ буд
3. Л – зер: И- Баландахтару зер,

www.sattor.com

Саворе барафканд бар[1] шаҳрёр,
Фиристод наздики ӯ он нигор.

Фиристода чун шуд бари Яздгирд,
Ҳама лашкар омад бар он нома гирд.

Ҳама номдорон фурӯ монданд,
Ба Баҳром – бар офарин хонданд.

В – аз он пас ҳунарҳо чу кард ошкор,
Ҳаме тохтандӣ бари шаҳрёр.

ОМАДАНИ БАҲРОМ БО НӮЪМОН НАЗДИ ПАДАРАШ ЯЗДГИРД

Падар орзу кард Баҳромро,
Чӣ Баҳром, хуршеди худкомро.

Ба Мунзар чунин гуфт Баҳроми шер,
Ки «Ҳарчанд монам ба назди ту дер,

Ҳамон орзуи падар хезадам,
Чу эмин шавам, дил барангезадам.

Бароруст Мунзар чу боист кор,
Зи шаҳри Яман ҳадяи шаҳрёр.[2]

Зи аспони тозӣ ба зарринситом,
Зи чизе ки пурмоя бурданд[3] ном.

Зи бурди ямониву теғи Яман,
Дигар ҳар чӣ буд маъданаш дар Адан.

Чу Нӯъмон, ки бо шоҳ ҳамроҳ буд,
Мар ӯро ба назди падар ҷоҳ[4] буд.

Чунин то ба шаҳри Ситахр омаданд,
Зи шоҳон ҳаме достонҳо заданд.

1. Ил – зӣ
2. Л – бешумор.
3. Л- пурмоятар буд
4. Л- Ба наздики ӯ афсари моҳ:
   И – Ба наздики ӯ афсару гоҳ

www.sattor.com

В- аз он пас чу огоҳӣ омад ба шоҳ,
Зи фарзанду Нӯъмони тозӣ ба роҳ,

Пазира шудандаш ҳама мӯбадон
Зи даргоҳ бедордил бихрадон.

Чу аз дур Баҳромро дид шоҳ,
Бад – он фарру он шоҳу[1] он гирдгоҳ,[2]

Шигифтӣ фурӯ монд аз кори ӯй,
Зи болову фарҳангу дидори ӯй.

Фаровон бипурсиду бинвохташ,
Ба наздики худ ҷойгаҳ сохташ.

Ба барзан-дарун ҷойи Нӯъмон гузид
Яке кох Баҳромро чун сазид.

Фиристод наздики ӯ бандагон,
Чу андархур омад парастандагон.

Шабу рӯз Баҳром пеши падар
Ҳаме аз парастиш нахорид сар.

Чу як моҳ Нӯъмон бибуд назди шоҳ,
Ҳаме хост, то бозгардад ба роҳ.

Ба шаб кас фиристод, ӯро бихонд,
Баробар – ш бар тахти шоҳӣ нишонд.

Бад – ӯ гуфт: «Мунзар басе ранҷ дид,
Ки озода Баҳромро парварид.

Бад – ин кор подош назди ман аст,
Шумори шумо Урмузди ман аст.

Писандидам ин ройи босанги[3] ӯй,
Ки сӯи хирад бинам оҳанги[4] ӯй.

1. И – ёлу
2. И – ёлу чунон дастгох,
3. Л – рою оҳанги
4. Л- Зи болову дидору фарҳанги

www.sattor.com

Ту худ[1] дер мондӣ бад - ин боргоҳ,
Падар чашм дорад ҳамоно ба роҳ.

Зи динор ганҷеш панҷаҳ ҳазор
Бидоданд бо номаи[2] шаҳрёр.

Зи охур ба заррину симинситом[3]
Даҳ[4] аспи гаронмоя бурданд ном.

Зи густурданиҳову ҳам[5] банда низ,
Зи рангу зи бӯю зи ҳар гуна чиз.

Зи ганҷи ҷаҳондор Меҳрон бибурд,
Якояк ба Мунзар ва[6] Нӯъмон[7] супурд.

Зи шодӣ дари бахшиш андаркушод,
Бар андоза ёрон-ш ҳадя бидод.[8]

Ба Мунзар яке нома бинвишт шоҳ,
Чунон чун бувад дархури пешгоҳ,

Ба озодӣ аз кори фарзанди ӯй,
Ки шоҳи Яман ҷуст пайванди ӯй,

Ба подоши ин кор ёзам[9] ҳаме,
Ба чунин писар сар фарозам ҳаме.

Яке нома бинвишт Баҳроми Гӯр,
Ки кори ман эдар табоҳ асту шӯр.

На он буд уммеди ман назди шоҳ,
К - аз ин сон кунад сӯи кеҳтар нигоҳ.

На фарзандам эдар, на чун чокарам,[10]
На чун камтаре шоддил бар дарам.[11]

---

1. Л – чун
2. Л – ҷомаи
3. Л – симинлагом,
4. Л – Ду
5. Л – аз
6. Л –ба
7. И – Нӯъмони Манзар
8. Ил – ёрон – шро ҳадя дод.
9. Л – созам
10. Ил – чокаре
11. Ил – кеҳтаре шоддил бар даре.

www.sattor.com

Ба Нӯъмон бигуфт, он чи будаш ниҳон
Зи бадроҳу оини шоҳи ҷаҳон.

Чу Нӯъмон бирафт аз дари шаҳрёр,
Биёмад бари Мунзари номдор.

Бад- ӯ номаи шоҳи гетӣ бидод,
Бибӯсид Мунзар, ба сар барниҳод.

В – аз он ҳадяҳо шодмонӣ намуд,
Бар он офарин офарин барфузуд.

В- аз он пас фиристод андар нуҳуфт,
Зи Баҳром чанде[1] ба Мунзар бигуфт.

Чу[2] он нома бархонд пешаш дабир,
Рухи номвар гашт ҳамчун зарир.

Ҳам андар замон зуд[3] посух навишт,[4]
Суханҳои бопанди фаррух навишт.[5]

Чунин гуфт, к - «Эй меҳтарин номвар,
Нигар, сар напечӣ зи роҳи[6] падар.

Ба неку бади шоҳ хурсанд бош,
Парастанда бошу хирадманд бош.

Бадиҳо ба сабр аз меҳон бугзарад,
Сари мард бояд, ки дорад хирад.

Сипеҳри равонро чунин аст рой,
Надорем бо ройи ӯ ҳеҷ пой.[7]

Дилеро[8] пур аз меҳр дорад сипеҳр,
Дилеро пур аз ҷангу ожанг[9] чеҳр.

---

1. И- чизе
2. Л- Пас
3. Л – нома
4. И- набишт,
5. И- набишт.
6. Л – ройи
7. И – Ту бар ройи ӯ ҳеҷ мафзой ҷой.
8. И – Диле ҳам
9. ИЛ – Диле пур зи кину пурожанг

www.sattor.com

Ҷаҳондор гетӣ чунон[1] офарид,
Чунон чун чаронад, бибояд чарид.[2]

Аз ин пас туро ҳарчи ояд ба кор
Зи динору аз гавҳари шоҳвор,

Фиристам, нигар то[3] надорӣ ба ранҷ,
Наярзад зи ранҷи ту оганда[4] ганҷ.

Зи динор ганҷе кунун даҳ ҳазор
Фиристодам инак ба расми нисор.

Парастор, к - ӯ раҳнамои ту буд,
Ба парда-дарун дилкушои ту буд.

Фиристодам инак ба наздики ту,
Ки равшан кунад ҷони торики ту.

Ҳар он гаҳ, ки динор бурдӣ[5] ба кор,
Гаронӣ макун ҳеҷ бо шаҳрёр,

Ки дигар фиристам-т бисёр низ
Аз[6] ин подшоҳӣ зи ҳар гуна чиз.[7]

Парастанда бошу ситоянда бош,
Ба кори парастиш физоянда бош.

Ту он бадхуиро зи шоҳи ҷаҳон
Ҷудо кард натвонӣ андар ниҳон.

Фиристод аз он тозиён даҳ савор
Сухангӯву бинодилу дӯстдор.

Расиданд наздики Баҳромшоҳ
Або бадраву бардаву некхоҳ.

Хирадманд Баҳром аз он шод шуд,
Ҳама дардҳо бар дилаш бод шуд.

1. Л – чунин
2. Л – к-ӯ чамонад, бибояд чамид.
3. Л – дил
4. Л – Наярзад парогандани ранҷ
5. Л – дигар – т бошад
6. Л – В – аз
7. И – Б. 278, 279 нест.

www.sattor.com

В - аз он пас бар он панди шоҳи араб
Парастиш ҳаме кард дар[1] рӯзу шаб.

БАНД КАРДАНИ ЯЗДГИРД БАҲРОМРО ВА БОЗОМАДАНИ Ӯ НАЗДИ МАНЗАР

Чунон буд, ки як рӯз бар базмгоҳ
Ҳаме буд бар пой дар пеши шоҳ.

Чу шуд дер бар пой, хоб омадаш,
Ҳам аз истодан[2] шитоб омадаш.[3]

Падар чун бидидаш ба ҳам бурда чашм,
Ба тундӣ яке бонг барзад зи[4] хашм.

Ба дажхим фармуд к- ӯро[5] бубар,
К – аз ин пас набинад кулоҳу камар.

Бар ӯ хона зиндон куну бозгард,
Назебад бар ин гоҳи[6] нангу набард.

Ба айвон ҳаме буд хастаҷигар,
Надид андар он сол рӯи падар,

Магар рӯзи Наврӯзу ҷашни Сада,
Ки ӯ пеш рафтӣ миёни рада.

Чунон буд, ки Тайнуши румӣ зи роҳ
Фиристода омад ба наздики шоҳ.

Або бадраву бардаву божи Рум
Фиристод[7] қайсар бад – ин марзу бум.

Чу омад шаҳаншоҳ, бинвохташ,
Сазовори ӯ ҷойгаҳ сохташ.

---

1. Л – ҳар
2. Л Ҳаме з – истодан
3. ТПМ – Ситода ду чашмаш ба ҳам барниҳод,
   Ғамӣ шуд дилаш, чун басе истод.
4. ИЛ – ба
5. Л – к – инро
6. Л – кори
7. Л – Фиристода

www.sattor.com

Фиристод Баҳром зӣ ӯ паём,
Ки эй марди бедори густурдаком

Зи кеҳтар ба чизе биёзурд шоҳ,
В- аз ӯ дур гаштам ҳаме[1] бегуноҳ.

Ту хоҳишгарӣ кун, ба ту бахшадам,
Магар бахти пажмурда бидрахшадам.

Сӯи доягонам фиристад магар,
Ки Мунзар маро беҳ зи мому падар.

Чу Тайнуш бишнид пайғоми ӯй,
Баровард аз он орзу коми ӯй.

Дилозор[2] Баҳром аз он шод гашт,
В – аз он банди бемоя озод гашт.

Ба дарвеш бахшид бисёр чиз,
В – аз он ҷойгаҳ рафтан орост низ.

Ҳаме[3] зердастони худро бихонд,
Шаби тира чун бод лашкар биронд.

Ба ёрон[4] чунин гуфт: «Яздон сипос,[5]
Ки рафтему эмин шудем аз ҳарос».

Чу омад ба наздики шаҳри Яман,
Пазира шудаш кӯдаку марду зан,

Бирафтанд Нӯъмону Мунзар зи ҷой,
Ҳамон найзадорони покизарой.

Чу Мунзар ба Баҳром наздик шуд,
Зи гарди сипаҳ рӯз торик шуд,

Пиёда шуданд он ду озодамард,
Ҳаме гуфт Баҳром тимору дард.

---

1. ИЛ – гаштам чунин
2. ИЛ – Дилозурда
3. Ил –Ҳама
4. Л– Яздон
5. Л– яздоншинос

www.sattor.com

Зи гуфтори ӯ чанд Мунзар гирист,
Бипурсиду гуфт: «Ахтари шоҳ чист,

Ки ҳаргиз наёяд ба роҳи хирад?
Зи кирдор тарсам, ки кайфар барад».

Бад – ӯ гуфт Баҳром, к – ин худ мабод,
Ки гирад[1] зи шумахтараш низ ёд.

Фуруд овaридаш, ҳамон ҷо ки буд,
Бар он некуӣ некуиҳо фузуд.

Ба ҷуз базму майдон набудиш кор,
В – агар[2] бахшишу кӯшиши корзор.

ОМАДАНИ ЯЗДГИРД БА ТӮС ВА КУШТАНИ АСПИ ОБӢ ӮРО

Бар ин низ чанде замон баргузашт,
Ба айвон падар, пури фаррух ба дашт.

В- аз он пас ғаму шодии Яздгард
Сар омад ҳаме з- ахтари тезгард.[3]

Зи шоҳӣ пурандеша шуд Яздгирд,
Зи ҳар кишваре мӯбадон кард гирд.

Ба ахтаршиносон бифармуд шоҳ,
Ки то кард ҳар як ахтар нигоҳ,

Ки то кай бувад дар ҷаҳон марги ӯ,
Куҷо тира гардад сару тарги ӯ.

Чу бошад, куҷо бошад он рӯзгор,
Ки пажмурда гардад рухи шаҳрёр.

Ситорашумар гуфт, к – ин худ мабод,
Ки шоҳи ҷаҳон гирад аз марг ёд.

Чу бахти шаҳаншоҳ бадрӯ шавад,
Аз эдар сӯи чашмаи Сӯ шавад.

1. И – гирам
2. И – Магар
3. Ил – б. 315 нест.

www.sattor.com

Фароз оварад лашкару бӯқу кӯс
Ба шодӣ назора шавад сӯи Тӯс.

Бар он ҷойгаҳ – бар бувад ҳуши ӯ,
Чунин роз бигзашт бар гӯши ӯ.

Аз ин дониш ар ёд гирад[1], бад аст,
Ки ин роз дар пардаи Эзад аст.

Чу бишнид аз ӯ шоҳ, савганд х(в)ард,
Ба Харродбарзину хуршеди зард.

Ки ман чашмаи Сӯ набинам ба чашм,
На ҳангоми шодӣ, на ҳангоми хашм.

Бар ин низ бугзашт гардун се моҳ,
Замона ба ҷӯш омад аз хуни шоҳ.

Зи бинӣ-ш букшод як рӯз хун,
Пизишк омад аз ҳар сӯе раҳнамун.

Ба дору чу як ҳафта бастӣ пизишк,
Дигар ҳафта хун омадӣ чун сиришк.

РАФТАНИ ЯЗДГИРД БА ЧАШМАИ СӮ БА ГУФТОРИ МӮБАД ВА КУШТАНИ АСПИ ОБӢ ӮРО

Бад – ӯ гуфт мӯбад, ки «Эй шаҳрёр,
Бигаштӣ ту аз роҳи Парвардгор.

Ту[2] гуфтӣ, ки бугрезам аз чанги марг,
Куҷо нестат марг ҳаргиз ба[3] барг.

Туро чора он аст, к – аз роҳи Шаҳд[4]
Сӯи чашмаи Сӯ гироӣ ба маҳд.[5]

Ниёиш кунӣ пеши Яздони пок,
Ба зорӣ бигардӣ бар он гармхок.

1. Л – гирӣ,
2. Л – Чу
3. Л – Чу боди хазон ояд аз шох
4. Л – сеҳр
5. Л – меҳр.

www.sattor.com

Бигӯӣ, ки ман, жандаи нотавон,
Зада[1] доми савганд пеши равон.

Кунун омадам, то замонам куҷост,
Ба пеши ту, эй довари доду рост.

Чу бишнид шоҳ ин, писанд омадаш,
Ҳамон дардро судманд омадаш.

Биёвард сесад имориву маҳд,
Гузар кард бар сӯи дарёи Шаҳд.

Шабу рӯз тозон ба маҳд-андарун,
Зи бинӣ-ш гаҳ – гаҳ ҳамерафт хун.

Чу наздикии чашмаи Сӯ расид,
Бурун омад аз маҳду дарё бидид.

В - аз он об лахте ба сар барниҳод,
Зи Яздони некидиҳиш кард ёд.

Замоне зи бинӣ наёмад-ш[2] хун,
Бихӯрду[3] биёсуд бо раҳнамун.

Манӣ карду гуфт: «Ин- т[4] оину рой.
Нишастам[5] чӣ боист чанде[6] ба ҷой?»

Чу гарданкашӣ кард шоҳи рама,
Ки аз хештан дод некӣ ҳама,

Зи дарё баромад яке аспи хинг,
Сурингирд чун гӯру[7] кӯтоҳлинг.

Дамон ҳамчу шери жиён, пур зи хашм,
Баланду сияҳхояву зоғчашм.

1. И- Задам
2. И – биниш ки рафт
3. И – Бихуфту
4. И- Ҳаме гуфт: ин аст
5. И – Нишастан
6. И- чандин
7. Л- гӯри

www.sattor.com

Кашон думм(у) бар пову бар ёл[1] буш,
Сияҳсумму кафкафкану шӯркуш,

Чунин гуфт бо меҳтарон Яздгирд,
Ки «Инро сипоҳ андароранд гирд».

Бишуд гирд чӯпону ду[2] курратоз,
Або зину печонкаманди[3] дароз.

Чӣ донист рози ҷаҳондор шоҳ,
Ки овард он аждаҳоро ба роҳ.[4]

Фурӯ монд чӯпону лашкар ҳама,
Барошуфт аз он шаҳрёри рама.

Ҳамон гоҳ бардошт зину лагом,
Ба наздики он асп шуд шодком.

Чунон ром шуд хинг[5] бар ҷои хеш,
Ки нанҳод даст аз пасу пой пеш.

Зи шоҳи ҷаҳондор бистад лагом,
Ба зин барниҳодан ҳаме буд[6] ром.

Чу зин барниҳодаш, бароҳехт танг,
Наҷунбид бар ҷой боз он[7] наҳанг.

Паси пойи ӯ шуд, ки бандад -ш дум,
Хурӯшон шуд он бораи сангсум.

Биғурриду як ҷуфта зад бар сараш,
Ба хок андар омад сару афсараш.

Зи хок омаду[8] хок шуд Яздгирд,
Чӣ ҷӯӣ[9] ту з – ин баршуда ҳафтгирд?

---

1. Л – дар пову то пой
2. Л – зуд чӯпону даҳ
3. Л – Яке танг печонкаманде
4. Л – Ки донист, рози Худои ҷаҳон,
   Ки овард он аждаҳои дамон.
5. Л – асп
6. Л – ҳамон гашт
7. Л – тозӣ; И – тозон
8. И – омада,
9. Л – гӯӣ

www.sattor.com

Чу аз гардиши ӯ наёбӣ раҳо,
Парастидани ӯ наёрад баҳо.

Ба Яздон гарову бад – ӯ кун паноҳ
Худованди хуршеду гардандамоҳ.[1]

Чу ӯ кушта шуд, аспи обӣ чу гард
Биёмад бад – он чашмаи лоҷвард.[2]

Ба об-андарун шуд танаш нопадид,
Касе дар[3] ҷаҳон ин шигифтӣ надид.

Зи лашкар хурӯше баромад чу кӯс,
Ки шоҳо, замон оваридат ба Тӯс!

Ҳама ҷомаҳо бардариданд пок,
Ҳама рехтанд аз бари ёл хок.

В –аз он пас бикофид[4] мӯбад[5] бараш,
Миёни тиҳигоҳу мағзи[6] сараш.

Биёганд яксар ба кофуру мушк,
Ба дебо тани шоҳ бастанд хушк.[7]

Ба дебо бипӯшид равшан бараш,
Ниҳода зи мушк афсаре бар сараш.

Ба тобути заррину дар маҳди соҷ
Сӯи Порс рафт он худованди тоҷ.

Чунин аст расми сарои сипанҷ,[8]
Яке шодмон, дигаре з – ӯ ба ранҷ.[9]

Ту ромиву бо ту ҷаҳон ром нест,
Чу нон хӯрда бошӣ, беҳ аз ҷом нест.[10]

1. Л – гардуну хуршеду моҳ.
2. Л – ложвард.
3. Л – Кас андар
4. Л – аҷал.
5. И- шикофта
6. Л – ба кофур равшан
7. Л – миёни тиҳигоҳу мағзу
8. Л – газанд,
9. Л – Чу ором ёбӣ, битарс аз нажанд,
10. ТПИ – Дар ин тирахок аз сипеҳри баланд
Чу ором ёбӣ, битарс аз газанд.

www.sattor.com

Парастидани дин беҳ аст аз гуноҳ,
Чу бошад касеро бар ин дастгоҳ.[1]

НИШОНДАНИ МЕҲОН ХУСРАВРО БА ТАХТ

Чу дар дахма шуд шаҳрёри[2] ҷаҳон,
Аз Эрон[3] бирафтанд гирён меҳон.

Куноранг бо мӯбаду паҳлавон,
Ҳашивору дастури равшанравон.

Ҳама пок дар Порс гирд омаданд,
Бари дахмаи Яздгирд омаданд.

Чу Густаҳм, к – ӯ пил куштӣ бар асп,
Дигар Қорани гурди пури Гушасп.

Чу Милод бо Ораши марзбон,
Чу Пирӯзи аспафкан аз Гурзбон.

Дигар ҳар кӣ буданд аз Эрон меҳон,
Бузургону кундоварони ҷаҳон,

Кучо хорашон доштӣ Яздгирд,
Ҳама омаданд андар он шаҳр гирд.

Чунин гуфт, гӯё Гушаспи дабир,
Ки «Эй номдорони барнову пир!

Ҷаҳондори мо то ҷаҳон офарид,
Касе з – ин нишон шаҳрёре надид.

Надонист ҷуз куштану[4]дарду ранҷ,
Зи кеҳтар ниҳон кардани рою ганҷ.[5]

Аз ин шоҳ нопоктар кас надид,
На аз паҳлавонони пешин шунид.

---

1. Л – бад – ин пойгоҳ.
2. Л - подшоҳи
3. Л – Зи айвон
4. Л- Ба ҷуз куштану хориву
5. ТПЗ – Надонисту озарми касро надошт,
Ҳаме он бар ин, ин бар он баргумошт.

www.sattor.com

Нахоҳем бар тахт аз ин тухма[1] кас,
Зи хокаш ба Яздон бинолему[2] бас.

Сарафроз Баҳром фарзанди ӯст,
Зи мағзу дилу рою пайванди ӯст.

Зи Мунзар кушояд сухан сарбасар,
Нахоҳем бар тахт бедодгар.

Бихӯрданд савгандҳои гарон,
Ҳар он кас, ки буданд аз Эрон сарон.[3]

К – аз ин тухма касро ба шоҳаншаҳӣ
Нахоҳем бо тоҷу тахти меҳӣ.

Бар ин барниҳоданду бархостанд,
Ҳама шаҳрёри дигар хостанд.

Чу огоҳии марги шоҳи ҷаҳон
Пароканда шуд дар миёни меҳон,

Алоншоҳу чун паҳлавони сипоҳ,
Чу Беварду Шукнони зарринкулоҳ.[4]

Ҳаме ҳар яке гуфт: «Шоҳӣ марост,
Ҳам аз хок то бурҷи моҳӣ марост».

Ҷаҳоне пурошӯб шуд сарбасар,
Чу аз тахт гум шуд сари тоҷвар.

Ба Эрон раду мӯбаду паҳлавон,
Ҳар он кас, ки буданд равшанравон,

Бад – ин кор дар Порс гирд омаданд,
Ҳама[5] з – ин сухан достонҳо заданд,

Ки ин тахти шоҳӣ сазовори кист,
Бибинед, то аз дари кори кист?

1. Л- аз ин тухм бар тахт
2. Л – ҳолаш ба Яздон паноҳему;
   И - паноҳему
3. Л - эрониён.
4. ТПЗ – Чу Беҳзоди Барзини Рустамнажод.
   Чу Соми ял аз тухмаи Кайқубод.
5. Л – Ҳаме

www.sattor.com

Набинем бахшандаи додгар,
Ки бандад бар ин тахт зарринкамар,

Ки ошӯб биншонад аз рӯзгор,
Ҷаҳон марғзорест бешаҳрёр.[1]

Яке мард буд пир, Хусрав ба ном,
Ҷавонмарду равшандилу шодком,

Ҳам аз тухмаи сарфарозон буд ӯ,[2]
Ба марз - андар аз бениёзон буд ӯ[3].

Супурданд гурдон бад – ӯ тоҷгоҳ,
Бари анҷуман шуд зи ҳар сӯ сипоҳ.

ОГОҲӢ ЁФТАНИ БАҲРОМИ ГӮР АЗ МУРДАНИ ПАДАРАШ

Пас огоҳӣ омад ба Баҳроми Гӯр,
Ки аз чарх шуд тахтро бахт шӯр.

Падар – т он сарафрози шоҳон бимурд,
Бимурду ҳам ӯ номи шоҳӣ[4] бибурд.

Бихӯрданд савганд яксар сипоҳ,
К- аз ин тухма ҳаргиз нахоҳем шоҳ,

Ки Баҳром фарзанди ӯ ҳамчу ӯст,
Аз оби падар ёфт ӯ мағзу пӯст.

Яке мард бар гоҳ биншонданд,
Ба шоҳӣ ҳаме хусраваш хонданд.

Чу бишнид Баҳром, рухро биканд,
Зи[5] марги падар шуд дилаш мустаманд,

1. И – б. 395, 396 нест.
2. И – ӯй; Л – будӣ.
3. И – ӯй; Л будӣ.
4. Л – ҳама оби шоҳон;
   И – ӯву ҳам номи шоҳон
5. И – Ба

www.sattor.com

Баромад ду ҳафта зи шаҳри Яман
Хурӯшидани мӯбаду[1] марду зан.

Чу як моҳ биншаст бо сӯги шоҳ,
Сари моҳи навро биёрост гоҳ.

Бирафтанд Нӯъмону Мунзар ба ҳам,
Ҳама[2] тозиёни Яман бешу кам.

Ҳама зор бо шоҳ гирён шуданд,
Абе оташ аз дард бирён шуданд.

Забон баркушоданд аз он пас[3] зи банд,
Ки «Эй пурҳунар шаҳрёри баланд.

Ҳама дар ҷаҳон хокро омадем,
На ҷӯёи тарёкро омадем.

Бимирад касе, к – ӯ зи модар бизод,
Раҳаш чун ситам бинаму марг дод».

Ба Мунзар чунин гуфт Баҳроми Гӯр,
Ки «Акнун, ки шуд рӯзи мо тору тур,[4]

Аз ин тухма гар номи шоҳаншаҳӣ
Гусиста шавад, бугсилад фарраҳӣ.

Зи дашти саворон бароранд хок,
Шавад ҷой бар тозиён – бар мағок.

Пурандеша бошеду ёрӣ кунед.
Ба марги падар сӯгворӣ кунед».

Зи Баҳром бишнид Мунзар сухун,
Ба мардӣ яке посух афканд бун.

Чунин гуфт, к – «Ин рӯзгори ман аст,
Бар ин дашт рӯзи шикори ман аст.

1. ИЛ – кӯдаку
2. И – Ҳаме
3. Л – яксар зи
4. ИЛ – тору тур;
ТПИ – Агар тунду берасм шуд шаҳрёр,
Буд ин даштро сарбасар дӯстдор.

www.sattor.com

Ту бар тахт биншину наззора бош,
Ҳамасола бо тоҷу бо ёла бош.

Ҳама номдорон бар ин ҳамсухун,
Ки Мунзар ба мардӣ фикандаст бун.

Зи пеши ҷаҳонҷӯй бархостанд,
Ҳама тохтанро биёростанд.

Бифармуд Мунзар ба Нӯъмон, ки «Рав,
Яке лашкаре соз шерони нав.

Зи шайбону ғассониён[1] даҳ ҳазор
Фароз ор гурд аз дари[2] корзор.

Ман эрониёнро намоям, ки шоҳ
Кадом аст боному[3] ганҷи сипоҳ?!»

Биёвард Нӯъмон сипоҳе гарон,
Ҳама теғдорону найзаварон.

Бифармуд, то тохтанҳо баранд,
Ҳама рӯи кишвар ба пай биспаранд.

Раҳи Шӯрсон то дари Тайсафун
Замин хира шуд зери наъл-андарун.

Зану кӯдаки хурд бурданд асир,
Кас он ранҷҳоро набуд дастгир.

Пур аз ғорату сӯхтан шуд ҷаҳон.
Чу бекор шуд тахти шоҳаншаҳон.

Пас огоҳӣ омад ба Руму ба Чин,
Ба Турку ба Ҳинду[4] ба Мукронзамин,

Ки шуд тахти Эрон зи хусрав тиҳӣ,
Касе нест зебои шоҳаншаҳӣ.

1. Л – в – аз русиён
2. Л – овари
3. Л - ботоҷу
4. И – Халлух,

www.sattor.com

Ҳама тохтанро биёростанд,
Ба торочу бедод бархостанд.[1]

Ба Эрон ҳаме ҳар касе даст охт,
Ба шоҳаншаҳӣ низ гардан фарохт.

НОМА НАВИШТАНИ ЭРОНИЁН БА МУНЗАР ВА ПОСУХИ ОН

Чу эрониён огаҳӣ ёфтанд,
Якояк сӯи чора биштофтанд.

Чу гаштанд аз он ранҷ яксар сутӯҳ,
Нишастанд бо якдигар[2] ҳамгурӯҳ,

Ки ин кор аз андоза андаргузашт
Зи Руму зи Ҳинду саворони дашт.

Яке чора бояд кунун сохтан,
Дилу ҷон аз ин ранҷ[3] пардохтан.

Биҷустанд он гаҳ[4] фиристодае,
Сухангӯву бинодил, озодае.

Куҷо номи он гав Ҷувонӯй буд,
Дабире бузургу сухангӯй буд.

Бад-он то ба наздики Муанзар шавад,
Сухан гӯяду гуфти ӯ бишнавад.

Ба Мунзар бигӯяд, ки эй сарфароз,
Ҷаҳонро ба номи[5] ту омад ниёз,

Нигаҳдори Эрону Мукрон туӣ,
Ба ҳар ҷой пушти далерон туӣ.

Чу ин тахт бешоҳу бетоҷ гашт,
Зи хун марз чун парри дурроҷ гашт.

---

1. ТПЗИЛ – Чу аз тухми шоҳаншаҳӣ кас набуд,
Ки ёрост тахти кайиро бисуд.
2. ИЛ – як бо дигар
3. И – кор
4. Л – мӯбад
5. Л – меҳон?

www.sattor.com

Ту, гуфтем, бошӣ худованди марз,
Ки ин марзро аз ту дидем[1] арз.

Кунун ғорат аз тусту хун рехтан,
Ба ҳар ҷой тороҷу овехтан,

Набудӣ чунин пеш аз ин бадкуниш,
Зи нафрин натарсиву аз[2] сарзаниш.

Нигаҳ кун бад-ин,[3] то писанд оядат,
Ба пиронсар ин судманд оядат.

Ҷуз аз ту яке[4] доваре дигар аст,
К-аз андешаи бартарон бартар аст.

Бигӯяд фиристода чизе, ки дид,
Сухан низ к-аз кордонон шунид.

Ҷувонуйи доно зи пеши сарон
Биёмад сӯи дашти найзаварон.

Ба Мунзар сухан[5] гуфту нома бидод,
Суханҳои эрониён кард ёд.

Суханҳош бишнид шоҳи араб,
Ба посух бад-ӯ ҳеҷ накшод лаб.

Чунин гуфт, к- «Эй донишӣ роҳҷӯй.
Сухан з-ин нишон бо шаҳаншоҳ гӯй.

Бигӯ ин ки гуфтӣ ба Баҳромшоҳ,
Чу посух биҷӯӣ,[6] намояд-т роҳ.

Фиристод бо ӯ яке номдор,
Ҷувонуй шуд то дари[7] шаҳрёр.

Чу Баҳромро дид донандамард,
Бар ӯ офаринандаро ёд кард.

1. Л – дорем
2. Л – натарсидиву
3. Л – бубин,
4. Л – зи бар
5. И – чунин
6. Л – шунидӣ,
7. Л – бари

www.sattor.com

Аз он бурзи болову он ёлу кифт
Фурӯ монд бинодил андар шигифт.

Ҳаме май чакад, гуфтӣ, аз рӯйи ӯй,
Ҳаме бӯи мушк ояд аз мӯйи ӯй.

Сухангӯй бедонишу ҳуш[1] гашт,
Паёмаш саросар фаромӯш гашт.

Бидонист Баҳром, к-ӯ хира шуд,
Зи дидор чашму дилаш тира шуд.

Бипурсид бисёру бинвохташ,
Ба хубӣ бари тахт биншохташ.

Чу густох шуд, з-ӯ бипурсид шоҳ,
К-аз Эрон чаро ранҷа гаштӣ ба роҳ?

Аз ин пас бари ранҷ ёбӣ зи мо,
Ҳам огандани ганҷ ёбӣ зи мо».[2]

Фиристод бо ӯ яке пурхирад,
Ки ӯро ба наздики Мунзар барад,

Бигӯяд, ки он[3] нома посух навис,
Ба посух суханҳои фаррух навис.

В-аз он пас нигар, то чӣ дорад паём,
Аз ӯ бишнаву посухаш деҳ тамом.[4]

Биёмад Ҷувонуй суханҳо бигуфт,
Рухи Мунзар аз ройи ӯ баршукуфт.

Чу бишнид аз ӯ марди бино сухун,
Мар он номаро посух афканд бун.

Ҷувонӯйро гуфт, к-«Эй пурхирад,
Ҳар он кас, ки бад кард, кайфар барад.

1. Л – бефарру беҳуш
2. ТПИМ – Суханҳо ҳама гуфту нома бидод,
Паёме, ки оварда буд, кард ёд.
3. Л – Бигӯяш, ки он; И – ин
4. Л – ба ком.

www.sattor.com

Шунидам ҳама ҳарчи додӣ[1] паём,
В-аз он номдорон,[2] ки кардӣ салом.

Чунин гӯй, к-ин бад кӣ кард аз нахуст,
Ки беҳуда пайкор боист ҷуст?

Шаҳаншоҳ Баҳроми Гӯр эдар аст,
Ки бофарру бурз асту болашкар аст.

Зи сӯрох чун мор берун кашӣ,
Ҳаме домани хеш дар хун кашӣ.

Гар эдун, ки ман будаме ройзан,
Бар эрониён-бар набудӣ шикан.

Ҷувонӯй рӯи шаҳаншоҳ дид,
В-аз ӯ низ чандин[3] суханҳо шунид[4].

Бипурсид,[5] то шояд ӯ тахтро,
Бузургиву пирӯзиву бахтро.

Зи Мунзар чу бишнид аз ин сон сухун,
Яке равшан андеша афканд бун.

Чунин дод посух, ки: «Эй сарфароз,
Ба доноӣ аз ҳар касе бениёз,[6]

Аз эрониён гар хирад гашта шуд,
Фаровон аз озодагон кушта шуд.

Кунун ман яке номҷӯям куҳан,
Агар бишнавӣ, то бигӯям сухан.

Туро бо шаҳаншоҳ Баҳроми гурд
Ба шодӣ заминро бибояд супурд.

---

1. И – дорӣ
2. И – номдоре,
3. ИЛ – чанде
4. Л – Пас аз б. 475 ин б. омада:
   Бидид андар ӯ некуиву хирад,
   Ки шоҳии Эрон мар ӯро сазад.
5. Л – Бидонист
6. И – ҳар яке

www.sattor.com

Ба Эрон хиромид бо бозу юз,
Чунон чун бувад шоҳи гетифурӯз.

Шунидӣ[1] суханҳои эрониён,
Ҳамоно зи рафтан[2] наёяд зиён.

Бигӯӣ ту низ он чи андархӯрад,
Хирадмандиву дурӣ[3] аз бехирад.

Зи кирдори бад[4] дур дорӣ маниш,
Напечӣ[5] зи беғораву сарзаниш.

Чу бишнид Мунзар, варо ҳадя дод,
Гусӣ кардаш аз шаҳри обод[6] шод.

ОМАДАНИ БАҲРОМИ ГӮР ДАР ҶАҲРАМ ВА РАФТАНИ ЭРОНИЁН БА НАЗДИ Ӯ

Худу шоҳ Баҳром бо ройзан
Нишастанду гуфтанд бе анҷуман.[7]

Гузин кардаш аз тозиён сӣ ҳазор,
Ҳама найзадор аз дари корзор.

Ба динорашон яксар обод кард,
Сари номдорон пур аз бод кард.

Чу огоҳии он[8] ба Эрон расид,
Ҷавонуй назди далерон расид.

Бузургон аз он кор ғамгин шуданд,
Бари озари поки Барзин шуданд.

Зи Яздон ҳаме хостанд он ки разм
Магар бозгардад ба шодиву базм.

---

1. Л – Шунидан
2. Л – Ҳамон то зи чунбиш
3. Л – Хирадмандӣ омӯзӣ
4. Л – ӯ
5. ИЛ – Бипечӣ
6. Л – он гоҳ аз он шаҳр
7. Л – Пас аз б. 486 ин б. омада:

   Суханшон бар он рост шуд, к-аз Яман
   Ба Эрон хироманд бо анҷуман.
8. Л – ин

www.sattor.com

Чу Мунзар ба наздики Ҷаҳрам расид,
Бар он дашти беоб лашкар кашид,

Саропарда зад низ Баҳромшоҳ,
Ба гирд андаромад зи ҳар сӯ сипоҳ.

Ба Мунзар чунин гуфт, к- «Эй ройзан,
Ба Ҷаҳрам кашидӣ зи шаҳри Яман.

Кунун ҷанг созем бо гуфтугӯй,[1]
Чу лашкар ба рӯй андароранд[2] рӯй».

Бад-ӯ гуфт Мунзар: «Меҳонро бихон,
Чу оянд пешат, биёрой хон.

Суханҳояшон бишнаву гӯ[3] сухун,
Касе тез гӯяд,[4] ту тезӣ макун,

Бичӯем, то чистшон дар ниҳон,
Киро хонд хоҳанд шоҳи ҷаҳон?

Чу диниста шуд, чораи он кунем,
Гар осон бувад[5] кина пинҳон кунем.

В-ар эдун дар ин кина ҷанг оваранд,
Бупечанду хӯйи паланг оваранд,

Ман ин дашти Ҷаҳрам чу дарё кунам,
Зи хуршеди тобон Сурайё кунам.

Бар онам, ки бинанд чеҳри туро,
Чунин бурзи болову меҳри туро.

Хирадмандиву рою фарҳанги ту,
Шикебоиву донишу санги ту.

Нахоҳанд ҷуз ту касе тахтро,
Кулаҳрову зебоии бахтро.

1. Л – бегуфтугӯй,
2. Л – овард
3. ИЛ – Сухан гӯю бишнав аз эшон,
4. ИЛ – гардад,
5. Л – Агар бихраданд,

www.sattor.com

В-ар эдун, ки гум карда доранд роҳ,
Бихоҳанд бурдан ҳаме аз ту гоҳ,

Ману ин саворону шамшери тез,
Барангезам андар ҷаҳон растахез.

Бубинӣ бурӯҳои[1] печони ман,
Фидои ту бодо тану ҷони ман.

Чу бинанд бемар сипоҳи маро,
Ҳамон расму оину роҳи маро.

Се дигар, ки хун рехтан кори мост,
Ҳамон Эзади додгӯ[2] ёри мост.[3]

Касеро ҷуз аз ту нахонанд шоҳ,
Ки шоёни тоҷиву зебои гоҳ.

Зи Мунзар чу шоҳ ин суханҳо шунид,
Бихандиду шодон дилаш бардамид.

Чу хуршед барзад сар аз теғи кӯҳ,
Радону бузургони Эронгурӯҳ[4]

Пазира шуданро биёростанд,
Яке донишӣ анҷуман хостанд.

Ниҳоданд Баҳромро тахти оҷ,
Ба сар барниҳод он баҳогир тоҷ.

Нишастан ба оини шоҳаншаҳон
Биёрост, к-ӯ буд шоҳи ҷаҳон.[5]

Зи[6] як дасти Баҳром Мунзар нишаст,
Дигар даст Нӯъмону теғе ба даст.

1. Л – инонҳои
2. ИЛ – додгар
3. ТПЗИЛ – Ҳамин подшоҳӣ, ки мероси туст,
Падар бар падар кард шояд дуруст.
4. И – б. 513 нест.
5. Л – Нишаст ӯ ба оини шоҳаншаҳӣ,
Биёрост ӯ тоҷу тахти меҳӣ.
6. Л – Ба

www.sattor.com

Ҳама гирд бар гирди пардасарой
Набуд ҷуз бузургони тозӣ ба ҷой.

Аз эрониён он ки буд покрой,
Биёмад ба даҳлези пардасарой,

Бифармуд, то парда бардоштанд,
Зи даршон ба овоз бугзоштанд.

Расиданд наздики Баҳромшоҳ,
Бидиданд зебо яке тоҷу гоҳ.

Ба овоз гуфтанд: «Анӯша бадӣ,
Ҳамеша зи ту дур дасти бадӣ!»

Шаҳаншоҳ пурсиду бинвохтшон,
Бар андоза-бар пойгаҳ сохтшон.

СУХАНИ БАҲРОМ БО ЭРОНИЁН ДАР БОРАИ ШОИСТАГИИ ХУД БА ПОДШОҲӢ ВА САР ТОФТАНИ ЭШОН АЗ ОН

Чунин гуфт Баҳром, к- «Эй меҳтарон,
Ҷаҳондидаву солхӯрда сарон,

Падар бар падар подшоҳӣ мост,
Чаро бахшиш акнун барои шумост?

Ба овоз гуфтанд эрониён,
Ки моро шикебо макун бар зиён!

Нахоҳем яксар ба шоҳӣ туро,
Бару бум моро, сипоҳӣ[1] туро.

К-аз ин тухма пурдоғу дудему[2] дард,
Шабу рӯз бо печишу боди сард».

Чунин гуфт Баҳром, к- «Оре, равост,
Ҳаво бар дили ҳар касе подшост.

1. Л – табоҳӣ
2. Л – гурмему

www.sattor.com

Маро гар нахоҳед, бе ройи ман
Чаро кас нишонед бар ҷойи ман?»

Чунин гуфт мӯбад, ки аз роҳи дод
На кеҳтар гурезад, на хусравнажод.

Ту аз мо яке бошу шоҳе гузин,
Ки хонанд ҳар кас бар ӯ офарин.

Се рӯз андар ин кор шуд рӯзгор,
Ки ҷӯянд аз Эрон яке шаҳрёр.

Фурӯзандаи тоҷу тахту камар.
Навиштанд кас номи сад номвар,

Аз ин сад яке номи Баҳром буд,
Ки ӯ подшоҳи[1] дилором буд.

Аз ин[2] сад ба панҷоҳ бозомаданд,
Пур аз читраву пурниёз[3] омаданд.

Зи панҷоҳ Баҳром буд аз нахуст,
Агар ҷуст ҷойи падар, дод ҷуст.

Зи панҷоҳ сиро навиштанд ном,
Гузинони Эрони боному ком.[4]

Зи сӣ низ Баҳром буд пешрав,
Ки ҳам тоҷвар буду ҳам шоҳи нав.

Зи сӣ низ карданд мӯбад чаҳор,
В-аз он чор Баҳром буд шаҳрёр.

Чу танг андаромад зи шоҳӣ сухан,
Зи Эрон ҳар он кас, ки буд ӯ куҳан,

Нахоҳем, гуфтанд, Баҳромро,
Далеру[5] сабуксору[6] худкомро.

---

1. ИЛ – дар подшоҳӣ
2. Л – он
3. Л – бониёз
4. ИЛ – б. 538 нест.
5. Л – Далери
6. сабуксори

www.sattor.com

Хурӯше баромад миёни сарон,
Дили ҳар касе низ гашт андар он.

Чунин гуфт Мунзар ба эрониён,
Ки хоҳам, ки донам ба суду зиён,

К-аз[1] ин шоҳи носолхӯрда ҷавон
Чароед пурдарду хастаравон?[2]

Бузургон ба посух биёростанд,
Басе хастадил порсӣ хостанд.

Аз Эрон киро хаста буд Яздгирд,
Якояк бар он дашт карданд гирд.

Якеро бурида ду дасту ду пой,
Яке монда бедасту пояш[3] ба ҷой.

Якеро ду дасту ду гӯшу забон,
Бурида шуда чун тани беравон.

Якеро зи тан дур карда ду кифт,
Аз он хастагон монд Нӯъмон шигифт.

Якеро ба мисмор канда ду чашм,
Чу Мунзар бидид он, баровард хашм.

Ғамӣ гашт аз он кор Баҳром сахт,
Ба хоки падар гуфт, к- «Эй шӯрбахт,

Чаро[4] чашми шодит бардӯхтӣ,
Равонам[5] ба оташ чаро сӯхтӣ?!

1. Л – Аз
2. ТПЗ – Ба фарҳанги ӯ дар замин шоҳ нест,
Ба дидори ӯ бар фалак моҳ нест.
Хадангаш ба сандон гузора кунад,
Ба нерӯ ки аз ҷойгаҳ барканад.
Ба давлат ҷавон асту бо рой пир,
Ҳунарманду бинодилу ёдгир.
3. Л – Тиҳӣ монда бар ҷою ҷонаш
4. ИЛ – Агар
5. Л – Равонро

www.sattor.com

Ҷаҳонҷӯй Мунзар ба Баҳром гуфт,
Ки ин бад бар эшон нашояд[1] нуҳуфт.

Суханҳо шунидӣ ту, посух гузор,
Ки кундӣ на хуб ояд аз шаҳрёр

СУХАН ГУФТАНИ БАҲРОМ БО ЭРОНИЁН АЗ ШОИСТАГИИ ХУД БА ПОДШОҲӢ

Чунин гуфт Баҳром, к-«Эй меҳтарон,
Ҷаҳондидаву коркарда[2] сарон,

Ҳама рост гуфтеду[3] з-ин[4] бадтар аст,
Падарро накӯҳиш кунам[5] дарх(в)ар аст.

Аз ин чошнӣ ҳаст наздики ман,
Аз ӯ тира шуд ройи борики ман.

Ки айвони ӯ буд зиндони ман,
Чу бахшоиш овард Яздони ман,

Раҳонида Тайнушам аз дасти ӯй,
Бишуд хаста коми ман аз шасти ӯй.

Аз он кардаам дашти[6] Мунзар паноҳ,
Ки ҳаргиз надидам навозиш зи шоҳ.

Бад-он хӯ мабодо, ки мардум бувад,
Чу бошад, пайи мардумӣ гум бувад.

Сипосам зи Яздон, ки додам хирад,
Равонам ҳаме аз хирад бар хӯрад.

Зи Яздон ҳаме хостам то кунун,
Ки бошад ба хубӣ маро раҳнамун,

Ки то ҳар чӣ бо мардумон кард шоҳ,
Бишӯем мо ҷону дил з-он гуноҳ.

1. Л – набояд
2. И – Ҷаҳонгаштаву кордида
3. Л – гуфтанду
4. И – гуфтанду ин
5. И – кунун
6. Л – дасти

www.sattor.com

Таносониву дод ҷӯям ҳама,
Шубон бошаму зердастон рама.

Ба коми дили зердастон зиям,
Бар оини яздонпарастон зиям.

Маниш ҳасту фарҳангу рою ҳунар,
Надорад ҳунар шоҳи бедодгар.

Лаимиву кажжӣ зи бечорагист,
Ба бедодгар-бар бибояд гирист.

Падар бар падар подшоҳӣ մарост,
Хирадмандиву некхоҳӣ марост.

Зи Шопури Баҳром то Ардашер
Ҳама шаҳриёрони барнову пир

Падар бар падар-бар ниёи мананд,
Ба дину хирад раҳнамои мананд.[1]

Зи модар набера Шамироншаҳам,
Зи ҳамгаҳварӣ[2] бо хирад ҳамраҳам.[3]

Ҳунар ҳам, хирад ҳам, бузургим ҳаст,
Савориву мардиву нерӯи даст.

Касеро надорам[4] зи мардон ба мард
Ба разму ба базму ба[5] ҳар коркард.

Нуҳуфта маро ганҷи оганда ҳаст,
Ҳамон номдорони хусравпараст.

Ҷаҳон яксар обод дорам ба дод,
Шумо яксар аз дод бошед шод».

1. И – б. 572 нест.
2. Л – ҳар гавҳаре
3. И – б. 573 нест.
4. И – надонам
5. И – зи разму зи базму зи

www.sattor.com

ПАЙМОН КАРДАНИ ЭРОНИЁН БО БАҲРОМ ДАР БОРАИ ПОДШОҲӢ БА ШАРТИ БАРДОШТАНИ ТОҶ АЗ МИЁНИ ШЕРОН

Яке бо шумо боз паймон кунам,
Забонро ба Яздон гаравгон кунам.

Биёрем шоҳаншаҳӣ тахти оҷ,
Бараш барниҳем ин гаронмоя[1] тоҷ.

Зи беша ду шери жаён оварем,
Ҳамон тоҷро дар миён оварем.

Бубандем шери жаён бар ду сӯй,[2]
Касеро, ки шоҳӣ кунад орзуй,[3]

Шавад, тоҷ баргирад аз тахти оҷ,
Ба сар барниҳад номбардор тоҷ.

Ба шоҳӣ нишинад миёни ду шер,
Миён шоҳу тоҷ аз бару тахт зер.

Ҷуз ӯро нахоҳем[4] кас подшо,
Агар додгар бошаду порсо.

В-агар з-ин, ки гуфтам, битобед ёл,
Гузинед гарданкашеро ҳамол,[5]

Ману Мунзару гурзу шамшери тез,
Надонанд гурдони тозӣ гурез.

Барорем гард аз шаҳаншоҳатон,
Сарафшон кунем аз бари моҳатон,

Бигуфтам, шумо низ[6] посух диҳед,
Бад-ин доварӣ ройи фаррух ниҳед».

---

1. Л – Бисозем дайҳиму бар сар-ш;
   И – тангу бар сар-ш бинҳем.
2. Л – сӯ,
3. Л – ӯ.
4. ИЛ – нахонем
5. ТП – Ба ҷое ки чун ман бувад пешрав,
   Синони саворон бувад хору хав.
6. Л – кунун ин ки гуфтем,

www.sattor.com

Бигуфт ину бархост, дар хайма шуд,
Ҷаҳоне зи гуфтораш осема шуд.

Ба Эрон раду мӯбаду ҳар кӣ буд,
Ки гуфтори он шоҳи доно шунуд.

Бигуфтанд, к-«Ин фарраи эзадист,
На аз роҳи кажживу нобихрадист.

Нагӯяд ҳаме як сухан ҷуз ба дод,
Сазад, гар дил аз од дорем шод.

Кунун он чи гуфт ӯ зи шери жаён,
Ҳамон[1] тахту тоҷи кайӣ дар миён.

Гар ӯро бидарранд шерони нар,
Зи хунаш напурсад зи мо додгар.

Чу худ гуфту ин ройро[2] худ ниҳод,
Ҳамон гар бимирад, бибошем[3] шод.

В-ар эдун куҷо тоҷ бардорад ӯй,
Ба фарр аз Фаридун гузар дорад ӯй,

Ҷуз аз шаҳриёраш нахоҳем[4] кас,
Зи гуфторҳо дод додему[5] бас».

ТОҶ БАРДОШТАНИ БАҲРОМИ ГӮР АЗ МИЁНИ ШЕРОН

Гузашт он шабу бомдоди[6] пагоҳ
Биёмад, нишаст аз бари гоҳ шоҳ.

Фиристоду эрониёнро бихонд,
Зи рӯзи гузашта фаровон биронд.

1. И – Яке
2. И – расм бар
3. И – Ҳамоно ба маргаш набошем
   Л – Сазад, гар ба маргаш набошем.
4. Л – нахонем
5. Л – дорему
6. И – бомдодон

www.sattor.com

Ба овоз гуфтанд пас мӯбадон,
Ки «Эй шоҳи донотар аз бихрадон,

Ба шоҳаншаҳӣ-дар чӣ пеш оварӣ,
Чу гирӣ ба мардиву[1] кундоварӣ?

Чӣ пеш орӣ аз доду аз ростӣ,
К-аз он гум шавад кажживу костӣ?»

Чунин дод посух ба фарзонагон,
Бад-он номдорону мардонагон,

Ки «Бахшиш бияфзоям аз гуфтугӯй,
Бикоҳам зи бедодиву ҷустуҷӯй.

Касеро кучо подшоҳӣ сазост,
Заминро бар эшон бубахшем рост.

Кеҳонро бидорам ба рою ба дод,
Чу эмин кунам, бошам аз дод шод.

Касеро, ки дарвеш бошад ҳаниз,
Зи ганҷи ниҳода бубахшем чиз.

Гунаҳкардаро панд пеш оварем,
Чу дигар кунад, банд пеш оварем.

Сипаҳро ба ҳангом рӯзӣ диҳем,
Хирадмандро дилфурӯзӣ диҳем.

Ҳамон рост дорем дил[2] бо забон,
Зи кажживу торӣ бупечам равон.

Касе к-ӯ бимирад, набошад-ш хеш,
В-аз ӯ чиз монад зи андоза беш,

Ба дарвеш бахшам, наёрам ба ганҷ,
Набандам дил андар сарои сипанҷ.

Ҳама рой бо кордонон занам,
Ба тадбир пушти ҳаво бишканам.

1. ИЛ – баландиву
2. ИЛ – дорам дилам

www.sattor.com

Зи дастур пурсем яксар сухун,
Чу кори нав афканд хоҳем бун.

Касе к-ӯ ҳаме дод хоҳад зи ман,
Начӯям парогандани анҷуман.

Диҳам доди он кас, ки ӯ дод хост,
Ба чизе наронам сухан[1] ҷуз ба рост.

Мукофот созам бадонро зи[2] бад,
Чунон к-аз раҳи шаҳрёрон сазад.

Бад-ин покяздон гувои ман аст,
Хирад бар[3] забон кадхудои ман аст».

Ҳамон мӯбадонмӯбаду[4] бихрадон,
Бузургону корозмуда[5] радон.

Ба овоз гуфтанд: «Мо бандаем,
Ба фармону роят сарафкандаем».

Пас он гаҳ чунин гуфт Баҳромшоҳ,
Ки «Эй бихрадони намояндароҳ,[6]

Бар ин кор агар сол сад[7] бугзарад,
Напечам зи гуфтор ҷону хирад.

Зи мерос безораму[8] тоҷу тахт,
В-аз он пас нишинем[9] бар шӯрбахт».

Шуниданд аз ӯ ин сухан мӯбадон,[10]
Бузургону бедордил бихрадон.[11]

Зи гуфти гузашта пушаймон шуданд,
Гунаҳкардагон сӯи дармон шуданд.

---

1. ИЛ – забон
2. Л – ба
3. Л – бо
4. Л – Ҳама мӯбадон в-он ки буд
5. Л – Писандидаву коркарда
6. ИЛ – б. 620, 621 нест.
7. Л – як сол агар
8. И – бинвозаму
9. И – нашинам. Л – нишастем
10. Л – Сухан чун шуниданд аз ӯ бихрадон,
11. Л – мӯбадон,

www.sattor.com

Ба овоз гуфтанд, як бо дигар,
Ки «Шоҳе бувад з-ӯ[1] сазовортар?

Ба мардиву гуфтору рою нажод
Аз ин поктар дар ҷаҳон кас назод.[2]

Зи дод офаридаст Эзад варо,
Мабодо, ки коре бувад[3] бад варо.

Ҳама некуиҳо биёбем аз ӯй,
Ба хӯрду ба шодӣ дарорем[4] рӯй.

Ба гуфтор агар ҳеҷ тоб оварем,
Хирадро ҳаме[5] сар ба хоб оварем.

Бад-ин бурзи болову ин шоху ёл[6]
Ба гетӣ касе нест вайро ҳамол.[7]

Агар худ бигирад сари гоҳи хеш,
Ба гетӣ кӣ бошад зи Баҳром беш?

Аз ин пас зи эрониёнаш чӣ бок,
Чи мо пеши ӯ-дар,[8] чи як мушт хок?»

Ба Баҳром гуфтанд, к-«Эй фарраманд,
Ба шоҳӣ туӣ ҷони моро писанд.

Надонист мардум[9] ҳунарҳои ту,
На гуфтору на[10] донишу ройи ту.

Чу Хусрав, ки буд аз нажоди Пашин,[11]
Ба шоҳӣ бар ӯ хондем[12] офарин.

---

1. ИЛ – з-ин
2. И – мабод.
3. Л – Расад
4. Л – Ба дод андар орем
5. И – ҳама
6. И – бол
7. ТПЗЛ – Паси пушти ӯ лашкари тозиён,
   Чу Мунзар-ш ёвар ба суду зиён.
8. И – ӯву
9. ИЛ- кас- дар
10. ИЛ – Ба покӣ тану
11. Л- ки ҳасташ ба покӣ нишин,
12. Л – хонданд

www.sattor.com

Ҳама зери савганду банди[1] ваем,
Ба савганд зери[2] газанди ваем.

Гар ӯ з-ин сипас шоҳи Эрон бувад,
Ҳама марз дар ҷанг вайрон бувад.

Гурӯҳе ба Баҳром бошанд шод,
Зи Хусрав дигар нима[3] гиранд ёд.

Зи дод он чунон беҳ, ки паймони туст,
В-аз он пас ҷаҳон зери фармони туст.

Баҳона ҳамон шерҷанг асту[4] бас,
В-аз он пас бузургӣ наҷӯянд кас.

Бад-он гашт Баҳром ҳамдостон,
Ки худ оварид ончунон достон.

Чунин[5] буд оини шоҳони род,[6]
Ки чун нав[7] бувад шоҳи фаррухнажод,

Бари ӯ шудӣ мӯбади мӯбадон,
Бибурдӣ се бинодил аз бихрадон.

Ҳам ӯ[8] шоҳ бар гоҳ биншондӣ,
Бар он тахт[9]-бар[10] офарин хондӣ.

Бибурдӣ ба наздики ӯ тоҷи зар,
Аз ӯ ёфтӣ зебу оину фар.[11]

Ниҳодӣ кулоҳи каӣ[12] бар сараш,
Бисудӣ ба шодӣ ду рух бар бараш.

1. Л – панди
2. Л- Бигӯяд, ки андар
3. Л – тоза
4. И- ҳамин шери ҷангист,
5. Л- Чунон
6. Л- дод,
7. Л- ӯ
8. ИЛ – Хаму
9. Л – тоҷ
10. И-тоҷу ӯ
11. ИЛ – б. 646 нест.
12. ИЛ – ба номи каён

www.sattor.com

В-аз он пас ҳар он кас, ки бурдӣ нисор,
Ба хоҳанда додӣ ҳама шаҳрёр.

Ба мӯбад супурданд пас тоҷу тахт,
Ба ҳомун шуд аз шаҳр бедорбахт.[1]

Ду шери жаён дошт Густаҳми гурд,
Ба занҷир баста, ба мӯбад супурд.

Бибурданд шерони ҷангӣ кашон,
Кашанда шуд аз бим чун беҳушон,

Бубастанд бар пояи тахти оҷ,
Ниҳоданд бар гӯшаи оҷ тоҷ.

Ҷаҳоне назора бар он тоҷу тахт,
Ки то чун бувад кори пирӯзбахт.[2]

РАФТАНИ БАҲРОМ ВА ХУСРАВ БА ҲОМУН ВА КУШТАНИ БАҲРОМ ШЕРОНРО ВА БАР ТАХТ НИШАСТАН

Чу Баҳрому Хусрав ба ҳомун шуданд,
Бари шер бо дил пур аз хун шуданд.

Чу Хусрав бидид он ду шери жаён,
Ниҳода яке афсар андар миён.

Бад –он мӯбадон гуфт: «Тоҷ аз нахуст
Сазовори он шуд, ки шоҳӣ биҷуст.

Ва дигар, ки ман пираму ӯ ҷавон,
Ба ҷанголи шери жаён нотавон,

Бад-ин кор ӯ[3] пешдастӣ кунад,[4]
Зи[5] барноиву тандурустӣ кунад.

Бад – ӯ гуфт Баҳром, к – «Оре, равост,
Ниҳонӣ надорем гуфтори рост.

1. И – он шоҳи пирӯзбахт.
2. ИЛ – он некбахт.
3. Л- Бар ин бад гар ӯ
4. И – Бар ин бар гар ӯ шердастӣ
5. ИЛ – Ба

www.sattor.com

Яке гурзаи говсар баргирифт,
Ҷаҳоне бад – ӯ монда андар шигифт.

Бад – ӯ гуфт мӯбад, ки эй подшо,
Хирадманду бодонишу порсо,

Ҳаме ҷанги шерон кӣ фармоядат,
Ба ҷуз[1] подшоҳӣ чӣ афзоядат?

Ту ҷон аз пайи подшоҳӣ мадеҳ,
Танатро ба хира табоҳӣ[2] мадеҳ.

Ҳама бегуноҳему ин кори туст,
Ҷаҳонро ҳама дил ба бозори туст».

Бад – ӯ гуфт Баҳром, к-«Эй динпажӯҳ,
Ту з – ин бегуноҳиву дигар гурӯҳ.

Ҳамоварди ин наррашерон манам,
Харидори ҷанги далерон манам».

Бад – ӯ гуфт мӯбад: «Ба[3] Яздон паноҳ,
Чу рафтӣ, дилатро бишуй аз гуноҳ».

Чунон кард, к – ӯ гуфт Баҳромшоҳ,
Дилаш пок шуд, тавба кард аз гуноҳ.[4]

Ҳаме рафт бо гурзаи говрӯй,
Чу диданд шерони пархошҷӯй,

---

1. Л – Ҷуз аз
2. Л – Хӯриш бебаҳона ба моҳӣ
3. И – Ки
4. Л- б. 668 нест. ТПЗ:

Ба оби равон шуд, сару тан бишуст,
Бар он дашт ҷойи ниёиш биҷуст.
Ниёишкунон пеши Яздони пок
Ду рух барниҳода бари тирахок,
Ба Яздон чунин гуфт, к – Эй Кирдгор,
Ту пирӯз кун бандагонро ба кор.
Агар банда з – ин дод ҷӯяд ҳаме,
Кӣ аз бад ҷаҳонро бишӯяд ҳаме?
Дар ин ҷанг ҷонам шикебо кунӣ,
Абар наррашерон тавоно кунӣ.
В- аз он ҷо биёмад хирадманд шоҳ,
Ниҳод он гаҳе рӯйро сӯи роҳ.

www.sattor.com

Яке зуд занҷир бугсисту банд,
Биёмад бари шаҳрёри баланд,[1]

Бизад бар сараш гурз Баҳроми гурд,
Зи чашмаш ҳама равшаноӣ бибурд.

Бари дигар омад, бизад бар сараш,
Фурӯ рехт аз[2] дида хун бар бараш.

Ҷаҳондор биншаст бар тахти оҷ,
Ба сар барниҳод он дилафрӯз тоҷ.

Бишуд Хусраву бурд пешаш намоз,
Чунин гуфт, к-«Эй шоҳи гарданфароз,

Нишасти ту бар гоҳ фархунда бод,
Ялони ҷаҳон пеши ту банда бод!

Ту шоҳиву мо бандагони туем,
Ба хубӣ физояндагони туем.

Ба яздон панохем, к – ӯ буд паноҳ,
Намояндаи роҳи гумкардароҳ.»[3]

Бузургон бар ӯ гавҳар афшонданд,
Бар он тоҷи нав офарин хонданд.

Зи гетӣ баромад саросар хурӯш,
Ба озар буд, ин ҷашни рӯзи сурӯш.[4]

Баромад яке абру шуд тирамоҳ,
Ҳаме барф борид аз[5] абри сиёҳ.

1. И – б. 670 нест.
2. И – бо
3. Л – б. 627 нест.
4. ТПЗЛ – Ки Баҳром бигрифт шоҳаншаҳӣ,
Беҳӣ ҷуст аз он тахту он фаррахӣ.
5. ИЛ – тир борид

www.sattor.com

На дарё падид асту на дашту[1] роғ,
Набинам ҳаме бар ҳаво парри[2] зоғ.[3]

Намондам намаксуду ҳезум, на ҷав,
На чизе падид аст то ҷавдарав.

Бад – ин тирагӣ рӯзу ҳавли хироҷ
Замин гашта аз барф чун кӯҳи оҷ.

Ҳама корҳо шуд сар андар нишеб,
Магар даст гирад ба чизе[4] ҳабиб.

685 Кунун достоне бигӯям шагифт,
К – аз он бартар андоза натвон гирифт.

---

1. ИЛ – падиду на дашту на
2. И – На андар ҳаво ҳаст парвози
3. ТПЗИЛ – Ҳавосил фишонад ҳаме*ҳар замон,
Чӣ созад ҳаме ин баланд осмон?
* Ҷавохирарищон шуд ҳаво
4. И – Худои; И – Ҳусайни

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ БАҲРОМИ ГӮР

Шасту се сол буд

НИШАСТАНИ БАҲРОМ БАР ТАХТ ВА АНДАРЗ КАРДАН БА САРДОРОН ВА НОМАҲО БАР МЕҲТАРӢ НАВИШТАН

Чу бар тахт биншаст Баҳроми Гӯр,
Ба шоҳӣ бар ӯ офарин хонд[1] ҳур.

Парастиш гирифт офаринандаро,
Ҷаҳондори бедори бинандаро.

Худованди пирӯзиву бартарӣ,
Худованди афзуниву камтарӣ.[2]

Аз он пас чунин гуфт, к – «Ин тоҷу тахт
Аз он ёфтам, к – офаридаст бахт.

Бад-ӯ дорам уммеду з - ӯям[3] ҳарос,
В- аз ӯ дорам аз некуиҳо сипос.

Шумо ҳам бад – ӯ низ нозиш[4] кунед,
Бикӯшед, то аҳди ӯ нашканед».

Забон баркушоданд эрониён,
Ки «Бастем мо бандагиро миён,

Ки ин тоҷ бар[5] шоҳ фархунда бод,
Ҳамеша дилу бахти ӯ зинда бод!

В-аз он пас куҷо офарин ханданд,
Ҳама пеши ӯ гавҳар афшонданд.[6]

---

1. И – Бар ӯ офарин кард кайвону
2. ТПЛМ – Худованди доду Худованди рой,
   Худованди рӯзидеҳи раҳнамой.
   И – ҷавоҳирфишон шуд ҳаво
3. И – Бад- ӯям умед аст, аз – ӯям
4. Л – бар ин нозиш афзун
5. И – тахтро
6. И – Забарҷад ба тоҷаш барафшонданд.

www.sattor.com

Чунин гуфт Баҳром: «Эй[1] саркашон,
Зи неку бади рӯз дида нишон.

Ҳама бандагонему Эзад якест,
Парастиш ҷуз ӯро сазовор нест.

Зи бадрӯз бебим дорематон,
Ба бадхоҳ ҳоҷат наёрематон».

Бигуфт ину аз пеш бархостанд,
Бар ӯ офарини нав оростанд.

Шаби тира буданд богуфтугӯй,
Чу хуршед бар чарх бинмуд рӯй,

Ба ором биншаст бар гоҳ шоҳ,
Бирафтанд эрониён борхоҳ.

Чунин гуфт Баҳром бо меҳтарон,
Ки «Эй номдорону[2] некхатарон,

Ба Яздон гироему ромиш кунем,
Нанозему дил аз ҷаҳон[3] барканем».

Бигуфт ину аспи гавон хостанд,
Кайи боргоҳаш биёростанд.

Се дигар чу биншаст бар тахт, гуфт,
Ки «Расми парастиш набояд нуҳуфт,

Ба ҳастии Яздон гувоӣ диҳем,
Равонро ба дин[4] ошноӣ[5] диҳем.

Биҳишт асту ҳам дӯзаху растахез,
Зи неку зи бад нест моро гурез.

Касе к-ӯ нагарвад ба рӯзи шумор,
Мар ӯро ту бодину доно[6] мадор.

1. ИЛ – к-«Эй
2. И – номҷӯёну
3. Л – Бинозем, дил з – ин ҷаҳон
4. Л – бад он
5. И – раҳу рӯшноӣ
6. ? – дониш

www.sattor.com

Ба рӯзи чаҳорум чу бар тахти оҷ
Ба сар барниҳод он писандида тоҷ,

Чунин гуфт, к-«Аз ганҷ ман як замон
Наям шод, к- аз мардумам шодмон.

Наям хостори сарои сипанҷ,
На аз бозгаштан ба тимору ранҷ.

Ки он аст ҷовиду ин [1] раҳгузар,
Ту аз он парҳезу[2] андӯҳ мах(в)ар».

Ва панҷум чунин гуфт, к-«Аз ранҷи кас
Наям шод, то бошадам дастрас.

Ба кӯшиш биҷӯем хуррабиҳишт,
Хунук он ки ҷуз тухми некӣ накишт».

Шашум, гуфт, «бар мардуми зердаст
Мабодо, ки ҷӯем ҳаргиз шикаст,

Сипаҳро зи душман таносон кунем,
Бадандешагонро ҳаросон кунем».

Ба ҳафтум чу биншаст, гуфт: «Эй меҳон,
Хирадманду бедору дидаҷаҳон.

Чу бо мардуми зуфт зуфтӣ кунем,
Ҳама бо хирадманд ҷуфтӣ кунем,

Ҳар он кас ки бо мо насозанд гарм,
Бадӣ беш аз он бинад ӯ, к – аз падарм.

Ҳар он кас, ки фармони мо баргузид,
Ғаму дарду ранҷаш набояд чашид».

Ба ҳаштум, чу биншаст, фармуд шоҳ,
Ҷавонуйро хонд з-он боргоҳ.

Бад-ӯ гуфт: «Наздики ҳар меҳтаре,
Ба ҳар номдореву ҳар кишваре

---

1. Л – аз ин
2. Л – ту з – он бар хӯр, эй роду

www.sattor.com

Яке нома бинвис ба меҳру ба дод,
Ки Баҳром бар тахт биншаст шод.

Худованди бахшоишу ростӣ,
Гурезанда аз кажживу костӣ,

Ки бофарру бурз асту бомеҳру дод,
Нагирад ҷуз аз покдодор ёд.

Пазируфтам онро, ки фармон барад,
Гуноҳ он бисечад, ки дармон барад.

Нишастам бари тахти фаррух падар
Бар оини Таҳмураси додгар.

Ҷуз аз ростӣ нест бо ҳар касе,
Агарчанд[1] аз ӯ кажжӣ ояд басе.

Ба дод аз ниёкон фузунӣ кунам,[2]
Шуморо бад – ин раҳнамунӣ кунам.[3]

Бар он дини Зардушт пайғамбарам,
Зи ройи ниёкони худ нагзарам.

Ниҳам[4] дини Зардушти пешин ба рӯй,[5]
Бироҳим пайғамбари ростгӯй.[6]

Ҳама подшоҳед бар мони хеш,
Нигаҳбони марзу нигаҳдори кеш.

Ба фарзанду зан бар ҳамон подшо,
Хунук мардуми зираки порсо.

Нахоҳем оганд мо[7] зар ба ганҷ,
Ки аз ганҷ дарвеш монад ба ранҷ.

1. ИЛ – Агарчи
2. Л – кунем,
3. Л – кунем.
4. Л – Араб
5. Л – буд ӯй,
6. Л – роҳҷӯй: И – б. 45 нест.
7. ИЛ – огандани

www.sattor.com

Гар Эзад маро зиндагонӣ диҳад,
В-аз он[1] ахтарон безиёнӣ диҳад.

Яке ромиши нома хонед[2] низ,
К-аз он ҷовидон арҷ ёбеду[3] чиз.

Зи мо бар ҳама подшоҳе[4] духруд,
Бавижа, ки меҳраш[5] бувад тору пуд.

Ниҳоданд бар номаҳо-бар нигин,
Фиристодагон хост боофарин.

Бирафтанд бо номаҳо мӯбадон,
Саворони бинодилу бихрадон.

ПАДРУД ГУФТАНИ БАҲРОМИ ГӮР МУНЗАР ВА НӮЪМОНРО ВА БАХШИДАНИ БОЖИ БОҚӢ БО ЭРОНИЁН

Дигар рӯз чун бардамид офтоб.
Биполуд[6] кӯҳу биёлуд[7] хоб.

Ба наздики Мунзар шуданд ин[8] гурӯҳ,
Ки Баҳром аз эшон ҳаме буд[9] сутӯҳ,

Ки хоҳишгарӣ кун ба наздики шоҳ,
Зи кирдори мо то бубахшад гуноҳ

Ки чунон шудем аз бади Яздгурд,
Ки хун дар дили номдорон фусурд.

Зи бас зишт кирдору гуфтори ӯй,
Зи бедодиву[10] дарду озори ӯй.

1. Л – В – аз ин
2. Л – ҷашн хонанд
3. Л – ёбанду
4. ИЛ – подшоҳон
5. И – додаш
6. Л – Бимолид
7. И – Биболид рӯзу биболид
8. Л – он
9. Л – ба ҷон буд
10. Л – бедориву

www.sattor.com

Дили мо зи Баҳром аз он буд сард,
К-аз он шоҳ будем яксар ба дард.

Бишуд Мунзару шоҳро кард нарм,
Бигустурд пешаш суханҳои гарм.

Бубахшид, агаршон басе[1] буд гуноҳ,
Ки богавҳару додгар буд шоҳ.

Биёрост айвони шоҳаншаҳӣ,
Бирафт, он ки будаш беҳиву меҳӣ.

Чу ҷойи бузургӣ[2] бипардохтанд,
Киро буд шоиста, биншохтанд,

Дувум рӯз рафтанд дигар[3] гурӯҳ,
Замоне[4] зи хӯрдан наёмад[5] сутӯҳ.

Ба се рӯз ҷашну маю сур буд,
Ғам аз кохи шоҳи ҷаҳон дур буд.

Бигуфт он, ки Нӯъмону Мунзар чӣ кард
Зи баҳри ман ин поксода ду мард.

Ҳама меҳтарон хонданд офарин
Бар он дашти ободу мардони кин.

В-аз он пас дари ганҷ букшод шоҳ,
Ба динору дебо биёрост гоҳ.

Ба аспу ситому ба хафтони ҷанг,
Зи бӯву зи ҳар гавҳаре ранг – ранг

Саросар ба Нӯъмону Мунзар супурд,
Ҷувонӯй рафт, он бад-эшон шумурд.

Кас андозаи бахшиши ӯ надошт,
Ҳамон тоб[6] бо кӯшиши ӯ надошт.

1. Л – агарчандашон
2. И – бузургон
3. И – Дигар рӯз рафтанд яксар; Л – яксар
4. Л – Сипаҳбуд
5. И – Зи хӯрдан наёмад сипаҳбад
6. Л – тов

www.sattor.com

Ҳамон тозиёнро басе[1] ҳадя дод,
Аз айвони шоҳӣ бирафтанд шод.

Биёвард пас хилъати[2] хусравӣ,
Ҳамон аспу ҳам ҷомаи паҳлавӣ.[3]

Ба Хусрав супурданд, бинвохташ
Бари гоҳи фархунда биншохташ.

Шаҳаншаҳ зи Хусрав ба Нарсӣ расид,
Зи тахт андаромад, ба курсӣ расид.

Бародар-ш буд якдилу якзабон,
Аз ӯ камтар он номдори ҷавон.

Варо паҳлавон кард бар лашкараш,
Бад-он то ба оин бувад кишвараш.

Сипаҳро саросар ба Нарсӣ супурд,
Ба бахшиш ҳама подшоҳӣ[4] бибурд.

Дари ганҷ букшоду рӯзӣ бидод,
Сипоҳаш зи динор гаштанд шод.

Бифармуд пас, то Гушаспи дабир
Биёмад бари шоҳи мардумпазир.

Ҷувонуйи бедор бо ӯ ба ҳам,
Ки наздики ӯ буд шумори дирам,

Зи боқӣ,[5] ки буд назди[6] эрониён
Бифармуд, то бугсилад аз миён.

Дабирони доно ба девон шуданд,
Зи баҳри дирам пеши кайвон шуданд.

1. И – зару
2. Л – бас ҳоҷиви
3. И – ба ҷои б. 74
ин б. омада:
Биёвард пас аспи зарринситом,
Ҳамон тавқ бо теғи зарринниём.
4. И – номи некӣ
5. Л – Зиёне
6. И – пеши

www.sattor.com

Ки ӯ буд доно бад-он рӯзгор,
Шумори ҷаҳон[1] дошт андар канор.[2]

Зи боқӣ,[3] ки шуд дар ҷаҳон сарбасар,
Ҳама баргирифтанд як бо дигар.

Навад бору се бор карда шумор,
Ба айвон дирам буд ҳазорон-ҳазор.

Бубахшиду айвон[4] бар оташ ниҳод,
Ҳама шаҳри Эрон бад-ӯ буд[5] шод.

Чу огоҳ шуд з-он сухан ҳар касе,
Ҳаме офарин хонд ҳар кас басе.

Бирафтанд яксар ба оташкада,
Ба айвони Наврӯзу ҷашни сада.

Ҳама[6] мушк бар оташ афшонданд,
Ба Баҳром – бар[7] офарин хонданд.

В-аз он пас фиристод корогаҳон,
Бад-он[8] то бигарданд гирди ҷаҳон,

Касеро куҷо ронда буд Яздгирд,
Биҷусту ба як шаҳрашон кард гирд.

Бад-он то шавад номаи шаҳрёр,
Ки озодагонро кунад хостгор.

Фиристод хилъат ба ҳар меҳтаре,
Бубахшид бо бадрашон[9] кишваре.

Раду мӯбаду марзбон[10] ҳар кӣ буд,
Ки овози Баҳром аз он сон шунуд,[11]

---

1. И – дирам
2. Л – шумор.
3. Л – Зиёне
4. И – девон; Л – Бубахшид девон,
5. ИЛ – аз он гашт
6. Л – Ҳаме.
7. Л – шаҳ
8. Л – Яке
9. ИЛ – б – андозашон
10. И – паҳлавон
11. И – Ки ӯро зи Баҳром з – он сон ба суд.

www.sattor.com

Саросар ба даргоҳи ӯ[1] омаданд,
Кушодадилу тозарӯ[2] омаданд.

Бифармуд, то ҳар кӣ буд додҷӯй,[3]
Сӯи мӯбадон мӯбад овард[4] рӯй.[5]

Чу фармонаш омад ба[6] гетӣ ба ҷой,
Мунодигаре кард бар дар ба пой,

Ки «Эй зердастони бедори шоҳ,
Зи ғам дур бошеду дур аз гуноҳ.

В-аз он пас бар он кас кунед офарин,
Ки аз додаш обод бошад замин.

Зи гетӣ ба Яздон паноҳеду бас,
Ки доранда ӯясту фарёдрас.

Ҳар он кас, ки бугзид фармони мо,
Напечад сар аз роҳу паймони мо.

Бар ӯ некуиҳо ба[7] афзун кунем,
Зи дил кинаву оз[8] берун кунем.

Ҳар он кас, ки аз дод бугрезад ӯй,
Ба бодафраи мо[9] даровезад[10] ӯй.

Гар эдун, ки нерӯ диҳад Кирдгор,
Ба коми дили мо бувад рӯзгор.

Ба ин некуиҳо физоиш бувад,
Шуморо бари мо ситоиш бувад.

Ҳама шаҳри Эрон ба гуфтори ӯй
Бирафтанд шодону дил[11] роҳҷӯй.

1. - шоҳ; Л – даргоҳ боз
2. И – некхоҳ; Л – рӯйбоз
3. Л – чораҷӯй,
4. Л – оранд
5. И – б. 98 – нест.
6. Л – зи
7. И – бар
8. И – дард
9. И – бар
10. Л – то биёвезад
11. Л – бо

www.sattor.com

Бад-он гаҳ, ки шуд подшоҳиш рост,
Фузун гашт[1] шодиву андӯҳ бикост.[2]

Ҳама базму нахчир буд кори ӯй,
В-агар[3] аспу майдону чавгону[4] гӯй.

ДОСТОНИ БАҲРОМИ ГӮР БО ЛАНБАКИ ОБКАШ

Чунон буд, ки рӯзе ба нахчири шер
Ҳаме рафт бо чанд гурди далер.

Бишуд пирмарде асое ба даст,
Бад-ӯ [5] гуфт, к-«Эй шоҳи яздонпараст,

Ду марданд, шоҳо, бад-ин шаҳри мо,
Яке бонаво, дигаре бенаво.[6]

Бироҳом мардест пурсиму зар,
Ҷуҳуде фиребандае бадгуҳар.[7]

Ба озодагӣ[8] Ланбаки Обкаш,
Ба ороиши хону гуфтори х(в)аш.

Бипурсид аз ин,[9] меҳтарон, к - эй[10] киананд,
Зи гуфтори ин пирсар[11] бар чиананд?»

Чунин гуфт бо ӯ яке порсо
Ки «Эй номвар, богуҳар подшо,

Сақоест ин Ланбаки Обкаш,
Ҷавонмарду бо хону гуфтори[12] х(в)аш.

1. И – Бияфзуд
2. И – кост.
3. ИЛ – Дигар
4. Л – чавгону майдону
5. И – Чунин
6. ИЛ – б. 113 – нест.
7. ИЛ – бадҳунар.
8. Л – озодии
9. И – он
10. И – к – ин
11. И – гуфтору кирдори ӯ
12. И – Ба хубиву гуфтору кирдори

www.sattor.com

Ба як нимрӯз[1] об дорад нигоҳ,
Дигар нима меҳмон биҷӯяд ба роҳ.

Намонад ба фардо аз имрӯз чиз,
Нахоҳад, ки дар хона монад-ш низ.

Бироҳоми бебар ҷуҳудест зуфт,
Куҷо зуфтии ӯ нашояд нуҳуфт.

Дирам дораду ганҷу динор низ,
Ҳамон фарши дебову ҳар гуна чиз.[2]

Мунодигареро бифармуд шоҳ,
Ки рав, бонг зан пеши бозоргоҳ,

Ки ҳар кас, к-аз ин[3] Ланбаки Обкаш
Хирад[4] оби хӯрдан, набошад-ш х (в) аш».

Ҳаме буд то зард гашт офтоб,
Нишаст аз бари бораи зудёб.

Сӯи хонаи Ланбак омад чу бод,
Бизад ҳалқа бар чӯбу овоз дод:

«Манам саркаше, - гуфт,[5] - аз эронсипоҳ,
Чу шаб тира шуд, боз[6]мондам зи роҳ.

Бад-ин хона имшаб дирангам диҳӣ,
Ҳама мардумӣ бошаду фаррахӣ».

Бишуд шод Ланбак зи овози ӯ,[7]
В – аз он хуб гуфтори дамсози ӯ,[8]

Бад – ӯ гуфт: «Зуд андар о,[9] эй савор,
Ки хушнуд бодо зи ту шаҳрёр.

---

1. И – Яке нимарӯз
2. ТПМ – Набинад касе нони ӯро ба чашм,
   Ҳамеша зи меҳмон бувад пур зи хашм.
3. ИЛ – ки аз
4. Л – Хӯрад
5. Л – Ки ман саркашеам.
6. Л – шуд тира шаб, дур
7. Л – аз овози ӯй; И – ӯй,
8. ИЛ – ӯй.
9. Л – ой,

www.sattor.com

Агар бо ту даҳ тан будӣ, беҳ будӣ,
Ҳама бар сарам як ба як меҳ будӣ».

Фуруд омад аз асп Баҳромшоҳ,
Ҳаме дошт он бора Ланбак нигоҳ.

Бимолид шодон ба чизе танаш,
Яке ришта бинҳод бар гарданаш.

Чу биншаст Баҳром, Ланбак давид,
Яке хуб шатранҷ[1] пеш оварид.

Яке чорае сохт дар[2] х(в)арданӣ,
Биёвард ҳар гуна оварданӣ[3].

Ба Баҳром гуфт: «Эй гаронмоя мард,
Бинеҳ мӯҳр, ёрӣ[4] кун аз баҳри х(в)ард.[5]

Чу нон хӯрда шуд, мизбон дар замон
Биёвард як ҷоми май шодмон.

Аҷаб монд шоҳ аз чунон ҷашни ӯ[6]
Аз он чарб гуфтору он тоза рӯ.[7]

Бихуфт он шабу бомдоди[8] пагоҳ
Аз[9] овози ӯ чашм бикшод шоҳ.

Чунин гуфт Ланбак ба Баҳроми Гӯр,
Ки «Шаб бенаво буд, ҳамоно сутур.

Як имрӯз меҳмони ман бошу бас,
Агар ёр хоҳӣ, бихонем кас.

---

1. И – нарду шатранҷ; Л – мӯҳрашатранҷ
2. Л – аз
3. И – б. 135 – нест.
4. Л – мӯҳра, бозӣ
5. ТПЗЛ – Ситад, он чи *Ланбак бад – ӯ дод шоҳ,
Бупечиду бинҳод дар ** пешгоҳ.
*Л – Бидид он ки: **Л – бар
6. И – Баҳром аз он ҷашни ӯй; Л – ӯй.
7. И – В- аз он хубгуфтору он тозарӯй; - тозарӯй.
8. И – бомдодон
9. И – Бар. М – мӯҳра.

www.sattor.com

Биёрем чизе, ки хоҳӣ, ба ҷой,[1]
Як имрӯз бо ман ба шодӣ гирой.[2]

Чунин гуфт бо Обкаш шаҳрёр,
Ки имрӯз чандон[3] надорем[4] кор.

Бишуд Ланбаку машк чанде кашид,
Харидори обаш наёмад падид.

Ғамӣ гашту пероҳанаш баркашид,
Яке Обкашро ба бар даркашид.

Яке буд дастор дар зери машк,
Ба бозор шуд, гӯшт оварду кашк.

Биёмад ва[5] колушае барниҳод,
В-аз он ранҷи меҳмон ҳаме кард ёд.

Бипухту бихӯрданду май хостанд,
Яке маҷлиси дигар оростанд.

Бибуд он шаби тира бо май ба даст
Ҳамон Ланбаки Обкаш майпараст.

Чу шаб рӯз шуд, низ Ланбак бирафт,
Биёмад ба наздики Баҳром тафт.

Бад-ӯ гуфт: «Рӯзу шабон[6] шод бош,
Зи ранҷу ғаму кӯшиш[7] озод бош.

Бизан даст бо ман як имрӯз низ,
Чунон дон, ки бахшандаи ҷону чиз».

Бад-ӯ гуфт Баҳром к-ин худ мабод,
Ки рӯзи се дигар набошем шод.

1. Л – ояд ба кор,
2. Л – шодӣ гузор.
3. И – ҷуз ту
4. Л – дигар бубандем
5. Л – Ба андоми
6. И – севум
7. И – ҳар дарду андӯҳ

www.sattor.com

Бар ӯ Обкаш офарин карду гуфт,
Ки «Бедордил бошу бо бахт ҷуфт.»[1]

Ба бозор шуд машку олат бибурд,
Гаравгон ба пурмоя марде супурд.

Харид он чи боисту омад дамон,
Ба наздики Баҳром шуд шодмон.

Бад-ӯ гуфт: «Ёрӣ деҳ андар х(в)ариш,
Ки мард аз хӯришҳо кунад парвариш».

Аз ӯ бистад он гӯшт Баҳром зуд,
Буриду бар оташ хӯришҳо фузуд.

Чу нон хӯрда, мегирифтанд ҷом,
Нахуст аз шаҳаншоҳ бурданд ном.

Чу май хӯрда шуд, хобро ҷой кард,
Ба болини ӯ шамъ барпой кард.

Ба рӯзи чаҳорум чу[2] бифрӯхт ҳур,
Шуд аз хоб бедор Баҳроми Гӯр.

Бишуд мизбон, гуфт, к-«Эй номдор,
Бибудӣ дар ин хонаи тангу тор.

Дар ин хона, бешак, таносон наӣ,
Гар аз шоҳи Эрон ҳаросон наӣ,

Ду ҳафта дар ин хонаи бенаво,[3]
Бибошӣ, гар ояд дилатро ҳаво.

Бар ӯ офарин кард Баҳромшоҳ,
Ки «Шодону хуррам бизӣ[4]солу моҳ».

Се рӯз андар ин хона будем шод,
Зи шоҳони гетӣ гирифтем ёд.

---

1. И – б. 152- 154 нест.
2. ИЛ – бияфрӯхт
3. Л – бебаҳо
4. И- хуррам бизӣ то бувад

www.sattor.com

Ба ҷое бигӯям суханҳои ту,
Ки равшан шавад з-он дилу ройи ту,

Ки ин мизбонӣ[1] туро бар диҳад,
Чу афзун кунӣ, тахту афсар[2] диҳад».

Биёмад чу гард, аспро зин ниҳод,[3]
Ба нахчиргаҳ рафт аз он хона шод.

Ҳаме кард нахчир то шаб зи кӯҳ,
Баромад,[4] сабук бозгашт аз гурӯҳ.

ДОСТОНИ БАҲРОМИ ГӮР БО БИРОҲОМИ ҶУҲУДӢ

Пас аз лашкари хеш Баҳром тафт,
Сабук сӯи хони Бироҳом рафт.

Бизад дар, бад-ӯ гуфт, к-«Аз шаҳрёр
Бимондам чу бозомад ӯ аз шикор.

Шаб омад, надонам ҳаме роҳро,
Наёбам ҳаме лашкари[5] шоҳро.

Гар имшаб бад-ин хона ёбам сипанҷ,
Набошад касеро зи ман ҳеҷ ранҷ».

Ба пеши Бироҳом шуд пешкор,
Бигуфт, он чи бишнид аз он номдор.

Бироҳом гуфто, к-«Аз ин[6] дар маранҷ,
Бигӯяш, ки эдар наёбӣ сипанҷ».

Биёмад фиристода, бо ӯ бигуфт,
Ки эдар туро нест ҷойи нуҳуфт.

1. И – Ҳама меҳрубонӣ
2. И – ганҷу гавҳар
3. И – Биёмад сабук асп зин барниҳод,
4. Л – Даромад,
5. Л – лашкару
6. И – гуфт: «Эй з –ин.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт Баҳром: «Бо ӯ[1] бигӯй.
К-аз эдар гузаштан маро нест рӯй.

Ҳаме аз ту хоҳам ҳам имшаб[2] сипанҷ,
Наёрам ба чизет з - он[3] пас ба[4] ранҷ».

Чу бишнид, пӯён бишуд пешкор,
Ба назди Бироҳом шуд, к - «Ин[5] савор

Ҳаме з-эдар имшаб нахоҳад гузашт,
Сухан гуфтану рой бисёр гашт».

Бироҳом гуфташ, ки «Рав бедиранг,
Бигӯяш, ки ин ҷойгоҳ аст танг.

Ҷуҳудест дарвешу шаб гурсуна,[6]
Бихуспад ҳаме бар замин барҳана».[7]

Бигуфтанду Баҳром гуфт: «Ар сипанҷ
Наёбам бад – ин хона, к – ояд-т ранҷ,

Бад - ин[8] дар бихуспам, нахоҳам сарой,
Надорам ба чизи[9] дигар ҳеҷ[10] рой».

Бироҳом гуфт: «Эй набардасавор,
Ҳаме ранҷа дорӣ маро хор – хор.

Бихуспиву чизет дуздад касе,
Аз ин дар маро ранҷ дорӣ басе.

Ба хона дарой, ар ҷаҳон танг шуд,
Ҳама кор бебаргу беранг шуд.

1. И – к – ӯро
2. Л – ман хона хоҳам? И – Ман аз ту ҳамеҷӯм ин ҷо
3. Л – Наёрам ба чизет аз он
4. И – Наёрам ба чизе дигар ҳеҷ
5. ИЛ – гуфт ин
6. И – дарвеш сар барҳана,
7. И гурсуна.
8. Л – Бар ин
9. И – Нахоҳам ба чизе
10. И – низ

www.sattor.com

Ба паймон, ки чизе нахоҳӣ зи ман,
Надорам ба марг обчину кафан[1]

Гар ин асп саргину об[2] афканад,
В – агар хишти он[3] хонаро бишканад,

Ба шабгир саргин – ш [4] берун барӣ,
Бирӯбиву хокаш ба ҳомун барӣ.

Ҳамон хишти пухта ту товон диҳӣ,
Чу бедор гардӣ зи хоб, он диҳӣ».

Бад- ӯ гуфт Баҳром: «Паймон[5] кунам,
Бад – ин ранҷҳо сар[6] гаравгон кунам».

Фуруд омаду аспро бо лагом
Бубасту бароҳехт теғ аз ниём.

Намадзин бигустурду[7] болин- ш [8] зин,
Бихуфту ду пояш кашон бар замин.

Ҷуҳуд он дари хона аз пай бубаст,
Биёвард хону[9] ба хӯрдан нишаст.

В – аз он пас ба Баҳром гуфт: «Эй савор,
Чу ин достон бишнавӣ, ёд дор.

---

1. Л - б. 189 нест
ТПЗИЛМ
Ҳам аст туро, ҳам нишасти ӯро
Хӯрии бояд инҳо зердасти туро*
Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Эй некмард,
Надорам туро ҳеҷ гуна ба дард.
Зи ту бас кунам ин дари хона ҷой,
Кунам поси ту бехурӯшу дарой».
Бироҳом аз он пас пурандеша шуд,
В – аз андеша ҷонаш яке беша шуд,
Ки ин шӯхмард аз дарам нагзарад,
Кӣ дорам, ки тимори аспаш х(в)арад?
Дигарбора гуфт: «Эй сарафроз мард,
Басе гуфтани ту маро хаста кард».
* Дар ЗИЛ танҳо б. 1 мавҷуд аст.
2. И саргин бурун
3. ИЛ – ин
4. И – саргин ба
5. И - Фармон
6. И – тан.
7. Л – Намадзин – ш бистар ба
8. И – ниҳодиву болиш зи
9. И – майро

www.sattor.com

Зи гетӣ ҳар он кас, ки дорад, хӯрад,
Чу хӯрдаш набошад, ҳаме бингарад».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Ин достон
Шунидастам аз гуфтаи бостон.[1]

Шунида падидор дидам кунун,
Ки бархондӣ аз гуфтаи раҳнамун».

Май овард, чун хӯрда шуд нон, ҷуҳуд[2]
В-аз он май варо шодмонӣ фузуд.[3]

Хурӯшид, к-эй ранҷдида савор,
Бад-ин достони куҳан гӯш дор.

Ҳар он кас, ки дорад, дилаш равшан аст,
Дирам пеши ӯ чун яке ҷавшан аст.[4]

Касе к-ӯ надорад, шавад хушклаб,
Чунон чун туӣ гурсуна ними шаб.»

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Ин бас шигифт
Бидидам ҳаме, ёд бояд гирифт.

Гар аз ҷом ёбӣ саранҷоми нек,
Хунук майгусору маю ҷоми нек?!»

Чу аз кӯҳ ханҷар баровард ҳур,
Гурезон шуд аз хоб Баҳроми Гӯр.

Бар он чармаи ночарон зин ниҳод,
Чӣ зин, аз бараш хушк болин ниҳод.

Биёмад Бироҳому гуфт: «Эй савор,
Ба гуфтори худ барнаӣ пойдор.

Бигуфтӣ, ки саргини ин борагӣ
Ба ҷоруб рӯбам ба якборагӣ.

1. И – Шунидам ҳаме аз лаби ростон.
2. И – буд.
3. Л – Аз он май басе шодмонӣ намуд.
4. ТПЗ – Ҳар он кас, ки дорад, хӯрад, гар ниҳад,
Сипосе бар он достон барниҳад.

www.sattor.com

Кунун он чи гуфтӣ, бирӯбу бубар,
Ба ранҷам зи меҳмони бедодгар».

Бад-ӯ гуфт Баҳром: «Шав, пойкор
Биёвар, ки саргин кашад бар канор.

Диҳам зар, ки то ин ба берун барад,
В-аз ин хонаи ту ба ҳомун барад».

Бад-ӯ гуфт: «Ман кас надорам, ки хок
Бирӯбад, барад резад андар мағок.

Ту паймон, ки кардӣ, ба кажжӣ мабар,
Набояд, ки хонанд-т бедодгар».[1]

Чу бишнид Баҳром аз ӯ ин сухун,
Яке тоза андеша афканд бун.

Яке хуб дастор будаш ҳарир,[2]
Ба мӯза - дарун пур зи мушку абир,[3]

Бурун карду саргин бад-ӯ кард пок,
Бияндохт бо хок андар мағок.

Бироҳом рафту сабук баргирифт,[4]
Аз он монд Баҳромшаҳ дар шигифт.[5]

Бироҳомро гуфт, к-«Эй[6] порсо,
Гар озодият[7] бишнавад подшо,

Туро з-ин ҷаҳон бениёзӣ диҳад,
Бар ин меҳтарон[8] сарфарозӣ диҳад.

БАХШИДАНИ БАҲРОМИ ГӮР ХОСТАИ БИРОҲОМ ЛАНБАКРО

Бирафту биёмад ба айвони хеш,
Ҳама шаб ҳаме сохт дармони хеш.

---

1. И – б. 212 – 215 нест.
2. И – хуб зарбанд будаш ба зар,
3. И – Чунон чун бувад дархури тоҷвар.
4. И – Бахром андар
5. Л – б. 219 нест
6. Л – Аё; И – Эй
7. Л – озодиам
8. И – Миёни ялон

www.sattor.com

Пурандеша он шаб ба айвон нахуфт,[1]
Бихандиду[2] он роз бо кас нагуфт.

Ба шабгир чун тоҷ бар сар ниҳод,
Сипаҳро саросар ҳама бор дод.

Бифармуд, то Ланбаки Обкаш
Бишуд пеши ӯ[3] даст карда ба каш.

Бибурданд пӯён Бироҳомро,
Ҷуҳуди бадандеши бадномро.[4]

Чу дар боргаҳ рафт, биншонданд,
Яке покдил мардро[5] хонданд.

Бад-ӯ гуфт: «Рав, борагиҳо бубар,
Нигар, то набошӣ ба ҷуз[6] додгар.

Ба хони Бироҳом шав бекиёр,
Нигар, то чӣ ёбӣ ниҳода, биёр».

Бишуд покдил то ба хони ҷуҳуд,
Ҳама хона дебову динор буд.

Зи пӯшиданӣ, ҳам зи афканданӣ,
Зи густурданӣ, ҳам зи оганданӣ.

Яке корвонхона андар сарой,
Набуд коларо бар замин низ ҷой.

Зи дурру зи ёқут ҳар гавҳаре,
Гаҳе бадрае, бар сараш афсаре.

Надонист мӯбад мар онро шумор,
Шутур хост аз дашти Ҷаҳрам ҳазор.

Ҳаме бор карданду чизе намонд,
Сабук некдил корвонҳо[7] биронд.

1. ИЛ – биҳуфт,
2. И – Баросуду
3. И – Биёмад бараш
4. Л – Бадромро; И – бадкомро.
5. И – мӯбаде
6. Л – ҷуз аз
7. И – Ҳамон содадил корвонро

www.sattor.com

Чу бонги даро омад аз боргоҳ,
Бишуд марди бино, бигуфт ин ба шоҳ,

Ки «Гавҳар фузун з-ин ба ганҷи ту нест,
Ҳамон монда харвор бошад дувист».

Бимонд андар он шоҳи Эрон шигифт,
Зи ози[1] дил[2] андешаҳо баргирифт,

Ки чандин биварзид марди ҷуҳуд,
Чу рӯзӣ набудаш, зи варзиш чӣ суд?

Аз он сад шутурвор зарру[3] дирам,
Зи густурданиҳову аз бешу кам

Ҷаҳондор он[4] Обкашро супурд,
Бишуд Ланбак аз роҳу[5] ганҷе бибурд.

В-аз он пас Бироҳомро хонду гуфт,
Ки «Эй дар камӣ гашта бо хок ҷуфт,

Чӣ гӯӣ, ки пайғамбарат чанд зист,
Чӣ боист чандин зи бешӣ гирист?

Савор[6] омаду гуфт бо ман сухан
Аз он достонҳои гашта куҳан,

Ки ҳар[7] кас, ки дорад фузунӣ, хӯрад,
Касе, ки[8] надорад, ҳаме[9] пажмурад.

Кунун дастёзон зи хӯрдан бикаш,
Бубин з-ин сипас хӯрдани[10] Обкаш».

Зи саргину дастори зарбафту хишт,
Ҳаме гуфт бо сифла марди куништ.

1. Л – В-аз он дар
2. И – Аз он кор
3. И – дурру
4. И – Ҷаҳонҷӯй мар; Л – шоҳ
5. ИЛ – роҳ,
6. И – Ҷавон
7. И – Ҳар он
8. Л – к-ӯ
9. И – Ҳар он к-ӯ надорад, зи ғам
10. И – хӯрдани Ланбаки.

www.sattor.com

Дирам дод нопокдилро чаҳор,
Бад-ӯ гуфт, к-«Инро сари моя дор.

Сазо нест з-ин бештар мар туро,
Дирам марди дарвешро, сар туро».

Ба арзониён дод, чизе ки буд,
Хурӯшон ҳамерафт марди ҷуҳуд.

Ба тороҷ дод он чи дар хона буд,
Ки онро сазо марди бегона буд.

ДОСТОНИ БАҲРОМИ ГӮР БО МЕҲРБУНДОД

Чу юзи шикорӣ[1] ба кор омадаш,
Биҷунбиду ройи шикор омадаш.

Яке бораи тезрав барнишаст,
Ба ҳомун хиромид бозе ба даст.

Яке беша пеш омадаш пурдарахт,
Нишастангаҳи мардуми некбахт.[2]

Ба сони биҳиште яке сабзҷой,
Надид андар ӯ мардуму чорпой.[3]

Чунин гуфт, к-«Ин ҷойи[4] шерон бувад,
Чунин беша ҷойи[5] далерон[6] бувад».

Ба беша - дарун гирд баргашт шоҳ,
Ҳамекард ҳар ҷой лахте нигоҳ.

Бад-он беша-андар яке шер дид,
Дари чораи шер шамшер дид.[7]

1. И – раванда
2. И – Чунин гуфт солори дайҳимҷӯй,
Яке бешае дид найза дар ӯй,
3. И – б. 255 нест.
4. И – Ки ин ҷою маъвои
5. И – Ба назди гавону
6. Л – Ки бар дар - бар айвон вайрон
7. И – б. 257, 258 нест

www.sattor.com

Яке бонг барзад бар он наррашер,[1]
Камонро ба зеҳ кард марди[2] далер.[3]

Бизад тиру[4] паҳлӯш бо дил бидӯхт,
Дили шери мода бар ӯ-бар бисӯхт.

Ҳамон мода оҳанги Баҳром кард,
Биғурриду чангаш ба андом кард.

Яке теғ зад бар миёнаш савор,
Фурӯ монд ҷангӣ дад аз корзор.

Бурун омад аз беша марди куҳан,
Забонаш кушода ба ширин сухан,

Куҷо номи ӯ Меҳрбундод буд,
Бад-он захми шамшер ӯ шод буд.

Яке марди деҳқону яздонпараст,
Бад-он беша будиш[5] ҷойи нишаст.

Чу омад бари шоҳи Эрон фароз,
Бар ӯ офарин карду бурдаш намоз.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй меҳтари[6] номдор,
Ба коми ту бод ахтари[7] рӯзгор.

Яке марди деҳқонам, эй покрой,
Худованди ин марзу гашту[8] сарой.

Худованди гову хару гӯспанд,
Зи шерон шуда баддилу мустаманд,

---

1. И – Чу аз беша берун хиромид шер,
2. Л – Чу оҳанги ӯ кард шери
3. И – гурди
   ТПЗЛ – Зи беша ба як сӯ ҷаҳонид асп,
   Барафрӯхт бар сони Озаргушасп.
   Ҳамон гоҳ берун хиромид шер,
   Камонро ба зеҳ кард марди далер.
4. И – тир,
5. И – ки дар бешааш буд
6. И – ҳаме офарин кард, к- «Эй
7. бодо ҳама.
8. Л – кишту И – дашту кишту

www.sattor.com

Кунун Эзад ин кор бар дасти ту
Бароварду бар қабзаву шасти ту.

Замоне бад-ин бешаи мо нишин,
Биёрам-т ширу маю ангубин.

Бара ҳаст чандон, ки ояд ба кор,
Дарахтони боровари соядор.»[1]

Фуруд омад аз асп Баҳромшоҳ,
Ҳаме кард дар беша ҳар ҷо[2] нигоҳ.

Куҷо шуд[3] замин сабзу оби равон,
Чунон чун бувад ҷойи марди ҷавон.

Бишуд Меҳрбундоду ромишгарон
Биёвард чанде зи деҳ меҳтарон.[4]

Басе гӯсфандони фарбеҳ бикушт,
Биёмад яке ҷоми заррин ба мушт.[5]

Чу нон хӯрда шуд, ҷомҳои набид
Ниҳоданд пешу гулу шанбалид.

Яке хӯрду дигар ба Баҳром дод,
Бикӯшиду бар хонаш[6] ором дод.

Чу шуд Меҳрбундод шодон зи май,
Ба Баҳром гуфт: «Эй гави некпай,

Чунон дон, ки монандаӣ шоҳро,
Ҳамон ними шаб нимаи моҳро».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Оре, равост,
Нигорандаи чеҳри мо подшост.[7]

1. И- б. 272 нест.
2. Л – аз он беша чанде И – аз он беша ҳар сӯ
3. ИЛ – ки бошад,
4. И – б. 275 нест.
5. И – Чу андар пайи хӯрданӣ барра кушт.
Падидор шуд ҷоми заррин ба мушт.
6. И – аз он ҷоми заррин ба
7. Л – б. 281 нест.

www.sattor.com

Чунон офаринад, ки хоҳад ҳаме,
Наяфзуд ҳаргиз, накоҳад ҳаме.

Агар ман ҳаме нек монам ба шоҳ,
Туро додам ин бешаву[1] ҷойгоҳ».

Бигуфт ину з-он ҷойгаҳ барнишаст,
Ба айвони хуррам хиромид маст.[2]

Ба шодӣ ҳаме буд бо дӯстон,
Ҳаме ронд ҳар гунае достон.[3]

ДОСТОНИ БАҲРОМИ ГӮР БО КАБРӮЙ ВА ҲАРОМ КАРДАНИ Ӯ МАЙРО

Чу биншаст, май хост аз бомдод,
Бузургони лашкар бирафтанд шод.

Биёмад ҳамон гаҳ яке марди меҳ,
Варо мева овард лахте зи деҳ.

Шутурворҳо нору себу биҳӣ,
Зи гул дастаҳо карда[4] шоҳаншаҳӣ.

Ҷаҳондор чун дид, бинвохташ,
Миёни ялон ҷойгаҳ сохташ.

Ҳамин меҳ, ки бо меваву бӯй буд,
Варо паҳлавӣ ном Кабрӯй буд.[5]

Чу шуд мард хуррам зи дидори шоҳ
В-аз он номдорону он ҷашнгоҳ,

Яке ҷом дид ӯ, пур аз май булӯр,
Ба дил-ш-андар афтод аз он ҷом шӯр».[6]

---

1. Л – марзу ин.
2. ТПМ – Ба мушкуи заррин шуд он гаҳ, бихуфт,
   Ҳама шаб ҳаме бо бутон буд ҷуфт.
3. И – б. 284, 285 нест; Л – б. 285 нест.
   ТПЗИЛ – Нахуфт он шаби тира дар бӯстон,
   Ҳаме уд кард аз лаби дӯстон.
4. И – ҷумла
5. И – б. 289, 290 нест.
6. И – сур.

www.sattor.com

Ба ёди шаҳаншоҳ бигрифт ҷом,
«Манам - гуфт,[1] - майхора Кабрӯй ном».

Ба рӯи шаҳаншоҳ ҷоми набид
Ба як дам ҳамон гоҳ андаркашид.[2]

Бигуфт ину з-он ҳафт барҳам бих(в)ард
В-аз он майпарастон баровард гард.

Ба дастурии шоҳ берун гузашт,
Кӣ донад, ки дар тан маяш чун гузашт?

Аз он шаҳр хуррам биёмад ба дашт,
Чу дар синаи мард май гарм гашт,[3]

Барангехт асп аз миёни гурӯҳ,
Зи ҳомун ҳаме тохт то сӯи[4] кӯҳ.

Фуруд омад аз асп ҷойи нуҳуфт,
Нигаҳ кард, дар соядоре[5] бихуфт.

Зи кӯҳ андаромад кулоғе сиёҳ,
Ду чашмаш биканд андар он хобгоҳ.[6]

Ҳаме тохтанд[7] аз паси ӯ гурӯҳ,
Варо мурда диданд дар пеши кӯҳ.

Ду чашмаш зи сар канда зоғи сиёҳ,
Бараш аспи ӯ истода ба роҳ.[8]

ТПИЛМ – Зи пеши бузургон биёзид даст,
Бад-он ҷоми май тохт, бар пой ҷаст*.

* И – маст.

1. И – Ҳамегуфт.
2. ИЛ – Чу май даркашам, ёр хоҳам гузид;
ТПЛМ – Ба ҷом-андарун буд май панҷ ман,
Хӯрам ҳафт* аз ин бар сари анҷуман.
Пас он гаҳ хиромам сӯи деҳ баҳуш,
Зи ман нашнавад кас зи** мастӣ хурӯш.
* Л – ҳашт; ** Л – ба
3. Л – б. 297 нест.
4. И – пеши
5. И – Бибуд зери соядарахте
6. ИЛ – ҷойгоҳ.
7. И – Ҳамеронданд
8. И – Ҷунон мурда афтод дар соягоҳ.

www.sattor.com

Бар ӯ кеҳтаронаш хурӯшон шуданд,
В-аз он маҷлису ҷом ҷӯшон шуданд.[1]

Чу Баҳром бархост аз хобгоҳ,
Баромад бари ӯ[2] яке некхоҳ,

Ки Кабрӯйро чашми равшан кулоғ
Зи мастӣ бикандаст бар пеши роғ.

Рухи шаҳрёри ҷаҳон зард шуд,[3]
Зи тимори Кабрӯй пурдард шуд.[4]

Ҳамон гаҳ баромад зи даргаҳ хурӯш,
Ки «Эй номдории бофарру ҳуш,

Ҳаром аст май дар ҷаҳон сарбасар,
Агар паҳлавон аст, агар[5] пешавар.

ДОСТОНИ КӮДАКИ КАФШГАР БО ШЕР ВА ҲАЛОЛ КАРДАНИ БАҲРОМИ ГӮР МАЙРО

Бад-ин гуна бугзашт соле тамом,
Ҳаме доштӣ ҳар касе май ҳаром.

Ҳамон шоҳ чун маҷлис оростӣ,[6]
Ҳаме номаи[7] бостон[8] хостӣ.[9]

Чунин то яке кӯдаке кафшгар
Зане хост бочизу ному ҳунар.

Фарозаш наёмад бад-он кори сахт,
Ҳаме зор бигрист момаш[10] зи бахт.

1. И – б. 303 нест.
2. И – Бари ӯ биёмад; Л – Биёмад бари ӯ
3. И – гашт,
4. И – гашт.
5. И – шаҳриёр аст, агар
6. Л – шоҳ маҷлис биёростӣ; И – Куҷо шоҳ маҷлис биёростӣ
7. Л – Ҳамон номаи.
8. И – Ҳама номаи хусравон
9. ИМ – Набудӣ зи май дар миён рангу бӯй,
Нахӯрдӣ маю дур будӣ аз ӯй,
10. И- модар

www.sattor.com

Ҳамоно ниҳон дошт лахте набид,
Писарро бад-он хона андаркашид.[1]

Ба пури ҷавон гуфт: «Аз ин[2] ҳафт ҷом
Бихӯр, то шавӣ эмину[3] шодком.

Магар бишканӣ имшаб ин мӯҳри танг,
Куланг аз намад кай канад кони санг».

Бизад кафшгар з-он мае ҳафт-ҳашт,
Ҳамоно паю пӯсташ[4] сахт гашт.

Ҷавонмардро ҷом густох кард,
Биёмад, дари хона сӯрох кард.

В-аз он ҷойгаҳ шуд бари моми хеш,
Бишуд шоддил ёфта коми хеш.

Чунон буд, ки аз хони шерони[5] шоҳ
Яке банд[6] бугсасту омад ба роҳ.

Зи бода ҳанӯз он писар[7] маст буд,
Ба дарё даҳ[8] ангушти ӯ шаст буд.

Бишуд тезу бар шери ғуррон нишаст,
Биёзид бигрифт гӯшаш ба даст.

Бад-он гоҳ шери яла сер[9] буд,
Ғулом[10] аз бару шер дар зер буд.

Ҳамешуд пасаш[11] шербон чун наванд,
Ба як даст занҷиру дигар каманд.

Яке кафшгар дид бар пушти шер,
Нишаста чу бар хар саворе далер.

1. И – сӯи хонае даркашид.
2. Л – к-«Ин; И – «З-он
3. И – Хурраму
4. Л – псти ӯ; И – Паю пӯсташ дар замон
5. Л – хонашерони
6. Л – шер
7. Л –Аз он май пуси кафшгар; И – Ҳанӯз он замон кафшгар
8. И – Бад-ӯ бода
9. И – Агарчанд шери яла шер
10. И – Ҷавон
11. Л – давон

www.sattor.com

Биёмад давон то дари боргоҳ,[1]
Далер андаромад ба наздики шоҳ.[2]

Бигуфт он шигифтӣ, ки худ[3] дида буд,
Ба дида бидид, он ки[4] нашнида буд.

Ҷаҳондор аз он дар шигифтӣ бимонд,
Зи дар[5] мӯбадону радонро[6] бихонд.

Ба мӯбад чунин гуфт, к-«Ин кафшгар,
Нигаҳ кун, ки то аз кӣ дорад гуҳар?

Агар паҳлавонзода бошад, равост,
Ки аз паҳлавон ин[7] далерӣ сазост.

Биҷустанду гуфтанд бо модараш,
Физояд[8] магар бар ҳунар[9] гавҳараш.

Ҳамон модараш, чун сухан шуд дароз,
Дарун[10] рафту бар шоҳ букшод роз.

Нахуст офарин кард бар шаҳрёр,
Ки «Шодон[11] бизӣ, то бувад рӯзгор.

Чунин кӯдаки норасида ба ҷой
Яке зан гузин карду шуд кадхудой,

Ба кор андараш ноижа суст буд,
Занаш гуфт, к-он суст[12] худруст буд.

Бидодам се ҷоми набидаш ниҳон,
Надонист кас рози ӯ дар ҷаҳон.

1. И – Ҳаме шуд давон то ба даргоҳи шоҳ.
2. И – бад-он боргоҳ.
3. И – куҷо
4. И – он чи
5. Л – Ҳама
6. И – Раду мӯбад у меҳтаронро
7. И – паҳлавонон; Л – Бар паҳлавонон
8. И – Барояд
9. И – номвар
10. ИЛ – Давон
11. И – шоҳо,
12. И – к-ин шаст; Л – к-он

www.sattor.com

Ҳам андар замон лаъл кардаш рухон,
Намад сар бароварду шуд устухон.

Ниё кафшгар буд, падар кашфгар,
В-аз он пеша бартар наёмад гуҳар.[1]

Нажодаш набуд, ҷуз се ҷоми набид,
Кӣ донист, к-ин шоҳ хоҳад шунид?»

Бихандид аз он пирзан шоҳу гуфт,
Ки ин достонро нашояд нуҳуфт.

Ба мӯбад чунин гуфт, к-акнун набид
Ҳалол асту майхора бояд гузид,

Ки чандон хӯрад май, ки бар наррашер
Нишинад, наёрад варо шер зер.

Хурӯше баромад ҳамон гаҳ зи дар
Ки «Эй паҳлавонони зарринкамар,

Бар андоза-бар ҳар касе май хӯред,
Ба анҷому фарҷоми худ бингаред.

Чу майтон ба шодӣ бувад раҳнамун,
Бихуспед, то тан нагардад забун».

ВАЙРОН КАРДАНИ МӮБАДИ БАҲРОМИ ГӮР ДЕҲРО ВА БОЗ ОБОД КАРДАНАШ

Биёмад дигар рӯз шабгир шоҳ
Сӯи дашти нахчири худ бо сипоҳ.

Ба дасти чапаш Ҳурмузи кадхудой
Сӯи росташ мӯбади покрой

Бар ӯ достонҳо ҳаме хонданд,
Зи Ҷамму Фаридун сухан ронданд.

Сагу юз дар пешу шоҳину боз
Ҳаме ронд бар дашт рӯзи дароз.

1. Л – б. 337 нест.

www.sattor.com

Чу хуршеди тобон ба гунбад расид,
Ба ҷое пайи гӯру оҳу надид.

Зи хуршеди тобон дижамсоз гашт,
Зи нахчиргаҳ тангдил бозгашт.

Ба пеш андаромад яке сабзҷой,
Пур аз хонаву мардуму чорпой.[1]

Аз он деҳ фаровон ба роҳ омаданд,
Назора ба пеши сипоҳ омаданд.

Ҷаҳондор пурхашму пуртоб буд,
Ҳаме хост, к-ояд бад-он деҳ фуруд.

Накарданд аз он деҳ[2] касе офарин,
Ту гуфтӣ, бубаст он харонро замин.

Аз он мардумон тангдил гашт шоҳ,
Ба хубӣ накард андар эшон нигоҳ.

Ба мӯбад чунин гуфт Баҳромшоҳ,
Ки «Чунин бадахтар яке ҷойгоҳ.

Куноми даду дому нахчир бод,
Ба ҷӯй-андарун обашон қир бод».

Бидонист мӯбад, ки фармони шоҳ
Чӣ буд андар он, сӯи[3] деҳ шуд зи[4] роҳ.[5]

Бад-эшон чунин гуфт, к-«Ин сабзҷой
Пур аз меваву мардуму чорпой[6]

---

1. ТПЗ - Яке ҷойи ободу бо хуррамӣ,
Ҳаме ҷойи оромишу беғамӣ.
2. Л – аз эшон
3. Л – пеши
4. И – зуд биспард
5. ТПЛМ – Биёмад ҳамон гоҳ мӯбад ба деҳ,
Бихонд он касеро, ки ӯ буд меҳ.
Бигуфто, ки пайғоми шаҳ* бишнавед,
Зи гуфтори шаҳ** ҳеҷ бармагзаред.
*Л – паёми малик; **Л – гуфти малик
6. Л – б. 359 нест.

www.sattor.com

Хуш омад шаҳаншоҳ Баҳромро,
Яке тоза кард андар ин комро.

Шуморо ҳама яксара кард меҳ,
Бад-он то кунад шаҳр аз он хуб деҳ.

Бад-ин деҳ зану кӯдакон меҳтаранд,[1]
Касеро набояд, ки фармон баранд.[2]

Аз ин деҳ чи муздуру чи кадхудой,
Ба як роҳ бояд, ки доранд ҷой.

Зану марду кӯдак саросар меҳанд,
Якояк ҳама кадхудои деҳанд.

Хурӯше баромад зи пурмоя деҳ,
Зи шодӣ, ки гаштанд ҳамвора меҳ.

Зану мард аз он пас яке шуд ба рой,
Парастору муздур бо кадхудой.

Чу нопок шуд марди барно ба деҳ,
Буриданд ногаҳ сари марди меҳ.

Ҳама як ба дигар бароҳехтанд,[3]
Ба ҳар ҷой[4] бероҳ хун рехтанд.

Чу бархост з-он русто растахез,
Гирифтанд ногоҳ аз он деҳ гурез.

Бимонданд пирони бепову пар,
Бишуд олати варзишу созу бар.

Ҳама деҳ ба вайронӣ овард рӯй,
Дарахтон шуда хушку беоб ҷӯй.

Шуда дашт вайрону вайрон сарой,
Рамида аз ӯ мардуму чорпой.

1. Л – меҳтаред,
2. Л – баред.
3. ИЛ – баромехтанд,
4. И – Ба роҳу ба

www.sattor.com

Чу як сол бугзашту омад баҳор,
Аз он сӯ ба[1] нахчир шуд шаҳрёр.

Бад-он ҷойи ободу хуррам расид,
Нигаҳ карду бар пой ҷое надид.

Дарахтон шуда хушку вайрон сарой,
Ҳама марз бемардуму чорпой.

Рухи шоҳ Баҳром аз он зард гашт,
Зи Яздон битарсиду пурдард гашт.

Ба мӯбад чунин гуфт, к-«Эй Рӯзбеҳ,
Дареғ аст вайрон чунин хуб деҳ.

Бирав тезу обод гардон зи[2] ганҷ,
Чунон кун, к-аз ин пас набинанд[3] ранҷ.

Зи пеши шаҳаншоҳ мӯбад бирафт,
Бад-он ҷойи вайрон хиромид тафт.

Зи барзан ҳаме сӯи барзан шитофт,
Ба фарҷом бекор пире биёфт.

Фуруд омад аз аспу бинвохташ,
Бари хеш наздик биншохташ.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй хоҷаи солх(в)ард,
Чунин ҷойи обод вайрон кӣ кард?»

Чунин дод посух, ки «Як рӯзгор
Гузар кард бар буми мо шаҳрёр,

Биёмад яке бехирад мӯбаде,
Аз он номдорони бебар баде.

Ба мо гуфт: «Яксар ҳама меҳтаред,[4]
Нигар, то касеро ба кас нашмаред.[5]

1. И – Сӯи дашти
2. И – низ обод гардон ба
3. И – он пас нагиранд
4. Л – кеҳтаранд,
5. Л – нашмаранд.

www.sattor.com

Ҳама яксара кадхудои деҳед,
Зану мард бар меҳтарон-бар меҳед»,

Бигуфт ину ин деҳ пурошӯб гашт,[1]
Пур аз ғорату куштану чӯб гашт,[2]

Ки Яздон варо ёр б-андоза бод,
Ғаму ранҷу[3] сахтӣ бар ӯ тоза бод.

Ҳама кори ин ҷой бар бадтарист,
Чунон дон, ки бо мо бибояд гирист».

Аз он пир пурдард шуд Рӯзбеҳ,
Бипурсиду гуфт: «Аз шумо[4] кист меҳ?»

Чунин дод посух, ки «Меҳтар бувад,
Ба ҷое, ки тухми гиё - бар бувад.

Бад-ӯ Рӯзбеҳ гуфт: «Меҳтар ту бош,
Ба ҳар кор чун бар сар афсар ту бош.

Зи ганҷи ҷаҳондор динор хоҳ,
Ҳамон тухму гову хирад[5] бор хоҳ.

Бикаш ҳар кӣ бекор ёбӣ[6] ба деҳ,
Ҳама кеҳтаронанд яксар, ту меҳ.

Бад-он мӯбади пир нафрин макун,
На бар орзу ронд ӯ ин сухун.

Агар ёр хоҳӣ зи даргоҳи шоҳ,
Фиристам-т чандон ки бояд, бихоҳ».

Чу бишнид пир он сухан, шод гашт,
Аз андӯҳи дерина озод гашт.

Ҳамон гаҳ сӯи хона шуд марди пир,
Биёвард мардум сӯи обгир.

1. Л – кард,
2. Л – кард.
3. Л – маргу
4. И – Бипурсид, к-«Ин ҷо кунун
5. И – уштуру гову хар
6. И – он ки бекор бошад

www.sattor.com

Заминро ба обод кардан гирифт,
Ҳама марзҳоро сипардан гирифт.

Зи ҳамсоягон гову ҳар хостанд,
Ҳама дашт яксар биёростанд.

Худу марздорон бикӯшид сахт,
Бикиштанд ҳар ҷой чанде[1] дарахт.

Чу як марз аз ин варз[2] обод гашт,[3]
Дили ҳар кӣ буд андар он,[4] шод гашт.[5]

Аз он ҷой ҳар кас,[6] ки бугрехтанд,
Зи[7] мижгон ҳаме хуни дил рехтанд,

Чу огоҳ[8] омад зи ободҷой,
Ҳам аз ранҷи ин пирсар[9] кадхудой,

Якояк сӯи деҳ ниҳоданд рӯй,
Ҳама[10] барзан обод кардандy[11] ҷӯй.

Ҳамон мурғу гову хару гӯсфанд
Якояк барафзуд[12] бар киштманд.

Дарахте[13] ба ҳар ҷой ҳар кас бикишт,
Шуд он ҷойи вайрон ба сони[14] биҳишт.

Ба соли се[15] дигар биёрост деҳ,
Баромад[16] зи варзиш ҳама коми[17] меҳ.

---

1. Л – чандин
2. И – баҳра з-он марз
3. Л – варзиш обод кард,
4. И – ӯ,
5. Л – кард.
6. И – ҷо касоне,
7. ИЛ – Ба
8. ИЛ – огоҳӣ
9. И он номвар
10. Л – Ба ҳар
11. Л – карданд
12. Л – сар афзуд
13. И – Дарахтон
14. И – чу хуррам
15. И – як соли
16. И – Биёмад
17. И- кор

www.sattor.com

Чу омад ба ҳангоми хуррамбаҳор,
Сӯи дашти нахчир шуд шаҳрёр.

Або мӯбадаш, номи ӯ Рӯзбеҳ
Чу ҳар ду расиданд наздики деҳ,

Нигаҳ кард тобанда Баҳроми Гӯр,
Ҷаҳон дид пуркиштманду сутур.

Баровард з-ӯ[1] коххои баланд,
Ҳама деҳ пур[2] аз гову аз[3] гӯсфанд.

Ҳама боғу обу ҳама кишту хид,
Ҳама дашт пурлолаву шанбалид.

Пароканда бар кӯҳ мешу бара,
Биҳиште шуда буму бар яксара,

Ба мӯбад чунин гуфт, к-«Эй Рӯзбеҳ,
Чӣ кардӣ, ки вайрон шуд он[4] сабздеҳ?

Пароканда з-ӯ мардуму чорпой,
Чӣ додӣ, ки омад кунун боз ҷой?»

Бад-ӯ гуфт мӯбад, ки аз як сухан
Ба по омад ин[5] шорсони куҳан.

Ҳамон аз як андеша обод гашт,
Дили шоҳи Эрон аз он шод гашт.

Маро шоҳ фармуд, к-«Ин сабзҷой
Ба динори ганҷ андаровар зи[6] пой.

Битарсидам аз Кирдгори ҷаҳон,
Накӯҳидани меҳтарону кеҳон.

Бидидам, чу як дил ду андеша кард,
Зи ҳар ду баровард ногоҳ гард.

1. Л – Бароварда з-ӯ
2. Л – раҳ
3. Л – пур
4. Л – буд
5. Л – пой омад он
6. И – ба

www.sattor.com

Ҳамон чун ба як шаҳр ду кадхудой
Бару буми эшон намонад ба ҷой.[1]

Бирафтам, бигуфтам ба пирони деҳ,
Ки «Эй мардумон, бар шумо нест меҳ.

Занон,кадхудоёну кӯдак ҳамон,
Парастору муздур бо ирмон.

Чу меҳтар шуданд, он ки буданд кеҳ,
Ба пой андаромад сари марди меҳ.

Ба гуфтор вайрон шуд он покҷой,
Накӯҳиш зи ман дуру тарс аз Худой.

В-аз он пас бар эшон бубахшуд шоҳ,
Бирафтам, намудам дигаргуна[2] роҳ.

Яке бохирад[3] пир кардам ба пой,
Сухангӯву[4] бодонишу раҳнамой.

Бикӯшиду вайронӣ обод кард,
Дили зердастон аз он[5] шод кард.

Чу меҳтар яке гашту шуд рой[6] рост,
Бияфзуд хубиву кажжӣ бикост.

Ниҳонӣ бад-эшон намудам бадӣ
В-аз он пас кушодам дари эзадӣ.[7]

Сухан беҳтар аз гавҳари шоҳвор,
Чу бар ҷойгаҳ-бар барандаш[8] ба кор.

Хирад шоҳ бояд, забон[9] паҳлавон
Чу хоҳӣ, ки беранҷ бошад равон,[10]

1. ТПЛМ – Ду танро ба як рӯй агар кор кард,
Аз он хира монад хирадманд мард.
2. И – яке хуб
3. И – боҳунар
4. И – Ҳунарманди
5. И – ҳама
6. Л – роҳ
7. И – б. 431 нест.
8. Л – баредаш
9. Л – равон
10. Л – ҷаҳон,

www.sattor.com

Дили шоҳ то ҷовидон шод бод,
Зи каҷживу бероҳӣ обод бод».

Чу бишнид шоҳ ин сухан, гуфт:[1] «Зеҳ!»
Сазовори тоҷӣ ту, эй Рӯзбеҳ».

Бубахшид як бадра динори зард,
Бад-он пурҳунар пешбинанда[2] мард.

Варо хилъати хусравӣ[3] сохтанд,
Сарашро ба абр-андар афрохтанд.

ДОСТОНИ БАҲРОМИ ГӮР БО ЧАҲОР ХОҲАРОН

Дигар ҳафта бо мӯбадону меҳон[4]
Ба нахчир шуд шаҳрёри ҷаҳон.[5]

Чунон шуд,[6] ки моҳе ба нахчиргоҳ
Ҳаме бошаду май хӯрад бо[7] сипоҳ.

Зи нахчири кӯҳу зи нахчири дашт
Гирифтан зи андоза андаргузашт.

Сӯи шаҳр шуд шодмон[8] бо сипоҳ,
Шаб омад, ҷаҳон гашт яксар[9] сиёҳ.

Бузургони лашкар ҳаме ронданд,
Суханҳои шоҳон ҳаме хонданд.

Яке оташе дид рахшон зи дур,
Бад-он сон, ки Баҳман кунад шоҳсур.

Шаҳаншаҳ бад-он[10] равшанӣ бингарид,
Ба як сӯ деҳи хуррам омад падид.

1. И – Чу Баҳром бишнид, гуфто, ки
2. Л – пири бинанда
3. Л – хушнудӣ
4. И – В-аз он ҷой бо мӯбадону радон
5. И – хусрави мӯбадон.
6. И – буд,
7. И – Ҳаме буд бо меҳтарони
8. Л – шоддил; И – меронд шаҳ.
9. ИЛ – ба раҳ гашт гетӣ
10. И – Шаҳаншоҳ зӣ

www.sattor.com

Яке осиё дид дар пеши[1] деҳ,
Нишаста пароканда[2] мардони меҳ.

В-аз он рӯи оташ ҳама[3] духтарон,
Яке ҷашнгаҳ сохта бар[4] карон.

Зи гул ҳар яке бар сараш[5] афсаре,
Нишонда[6] ба ҳар ҷой ромишгаре.

Ҳама чомаи разми Хусрав заданд,
Замон то замон ҳар яке нав заданд.

Ҳама моҳрӯю ҳама ҷаъдмӯй,
Ҳама чарбгӯву ҳама мушкбӯй.

Ба наздики пеши дари осиё,
Ба ромиш кашида нахе бар гиё.

В-аз он ҳар яке дастаи гул ба даст,
Зи шодиву аз май шуда[7] ниммаст.

В-аз он пас хурӯш омад аз ҷашнгоҳ,[8]
Яке гуфт,[9] к-ин ёди Баҳромшоҳ,

Ки бофарру бурз асту бо чеҳру меҳр,[10]
Бад-ӯяст барпой гардонсипеҳр.[11]

Ҳаме май чакад гӯӣ аз рӯи ӯй,
Ҳаме бӯи мушк ояд аз мӯи ӯй.

Шикораш набошад магар шеру гӯр,
Азерош хонанд Баҳроми Гӯр.

1. И – Сӯи роҳ – бар яке ҷӯй дид,
2. И – ба наздики
3. И – бад-он ҷой
4. И – Ҳаме
5. И – Ба ромиш нишаста карон то
6. И – бар сари ҳар яке
7. И – нишаста
8. И – Ба ромиш нишаста ҳама
9. И – тафт
10. И – бо мӯҳру гоҳ,
11. И – Шаҳаншоҳи Эрону лашкарпаноҳ.

www.sattor.com

Ҷаҳондор, к-овози эшон шунид,
Инонро бупечиду з-он сӯ кашид.[1]

Чу омад ба наздикии[2] духтарон,
Нигаҳ кард ҷой[3] аз карон то карон.

Ҳама дашт яксар пур аз моҳ дид,
Ба роҳ[4] омадан[5] роҳ кӯтоҳ дид.

Бифармуд, то майгусорон зи роҳ
Май оранду майхора наздики шоҳ.

Гусоранда овард ҷоми булӯр
Ниҳоданд бар дасти Баҳроми Гӯр.

Аз он духтарон он ки буд номдор,
Бурун омаданд аз миён ҳар[6] чаҳор.

Яке Мушкнозу дигар Мушкинак
Яке Нозёбу дигар Савсанак.

Бари шоҳ рафтанд бо дастбанд
Ба рух чун баҳору ба боло баланд.

Ҳама чома гуфтанд[7] Баҳромро,
Шаҳаншоҳи бодонишу[8] комро.

Зи ҳар чор пурсид Баҳроми Гӯр,
К-аз эшон ба дил-ш[9]-андар афтод шӯр,

Ки «Эй гулрухон, духтарони киед?[10]
В-аз ин оташ афрӯхтан бар чиед?»[11]

---

1. И – Сипаҳбад инонро бад-он сӯ кашид,
Чу з-он гуна овози мардум шунид.
2. И – наздики он
3. и – шоҳ
4. Л – шаҳр
5. И – шаҳр андар
6. Л – миёна
7. Л – Ниёиш гирифтанд
8. Л – боромишу
9. И – ба дил
10. Л – Ки ин гулрухон духтарони кианд?
11. Л – чианд?

www.sattor.com

Яке гуфт, к-«Эй сарв боло савор,
Ба ҳар чиз монандаи шаҳрёр,[1]

Падармон яке осиёбони пир
Дар ин домани кӯҳ нахчиргир.

Биёяд ҳам акнун, ки шаб тира гашт,
Варо дида аз тирагӣ хира гашт.

Ҳам андар замон осиёбон зи кӯҳ
Биёмад зи нахчир худ бо гурӯҳ.

Чу Баҳромро дид, рухро ба хок
Бимолиду шуд пеш бо тарсу бок.[2]

Яке ҷоми заррин бифармуд шоҳ
Бад-он пир додан, ки омад зи роҳ.

Бад-ӯ гуфт, к-ин чор хуршедрӯй
Чӣ дорӣ, ки-шон ҳаст[3] ҳангоми шӯй?»

Бар ӯ пирмард офарин карду гуфт,
Ки «Ин духтарони маро нест ҷуфт.

Расида бад-ин сол дӯшизаанд,
Ба дӯшизагӣ низ покизаанд.

Валекин надоранд баҳра зи чиз,
Зи зарру зи симу зи ҳар гуна низ».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Ин ҳар чаҳор
Ба ман[4] деҳ в-аз ин беш духтар мадор.[5]

Чунин дод посух варо пирмард,
К-«Аз ин дар, ки гуфтӣ, саворо, магард.

На ҷомаст моро, на буму на бар,
На симу сарою на гову на хар».

1. Л – Аз эшон яке гуфт, к-«Эй шаҳрёр.
Сахогустару марду болосавор.
2. И – б. 470, 471 нест.
3. ИЛ – Чӣ дорӣ чунин нест
4. И – Маро
5. Л – макор.

www.sattor.com

Чунин гуфт Баҳром: «Шояд маро,
Ки худ чизи эшон набояд маро».

Бад-ӯ гуфт: «Ҳар чор ҷуфти туанд,
Парастору[1] хоки нуҳуфти туанд.

Ба айбу ҳунар чашми ту дидашон,
Бад-он сон ки дид ӯ, писандидашон.

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Ин ҳар чаҳор
Пазируфтам аз пок Парвардгор».

Бигуфт ину аз ҷой бар пой хост,
Ба дашт-андар овоз болой хост.

Бифармуд, то ходимони сипаҳ
Баранд он бутонро ба мушкуи шаҳ.

Сипоҳ андаромад якояк зи дашт,
Ҳама шаб бад-он дашт[2] лашкар гузашт.[3]

Фурӯ монд аз он осиёбон шигифт,
Шаби тира андеша андаргирифт.

Ба зан гуфт: «Ин номдори шумо,
Бад-ин бурзу болову ин дастго

Шаби тира ин ҷойгаҳ чун расид?»
Занаш гуфт: «Аз дур оташ бидид».

Бар овози ин ромиши духтарон,
Нишасту[4] май оварду ромишгарон.

Чунин гуфт он[5] осиёбон ба зан,
Ки «Эй зан, маро[6] достоне бизан,

1. ИЛ – Парастори
2. Л – Ҳаме гирд
3. Л – бигашт.
4. ИЛ – Зи мастӣ
5. И – боз
6. И – бар ин

www.sattor.com

Ки некист фарҷоми ин, гар[1] бадӣ?
Занаш гуфт: «Коре буд[2] ин эзадӣ».

Напурсид, чун дид мард аз нажод,
На бар[3] хоста бар дилаш буд ёд.

Ба рӯи замин-бар ҳаме моҳ ҷуст,
На динор ё[4] духтари шоҳ ҷуст.

Шаман гар бубинад[5] чу[6] эшон ба Чин,
Гусиста бувад[7] бар бутон[8] офарин.

Бад-ин гуна то шед аз пушти зоғ
Баромад, ҷаҳон шуд чу равшанчароғ.

Ҳаме рафт ҳар гунае достон,
Чи аз баднажоду чи аз ростон,

Чу шаб тира[9] шуд, меҳтар омад зи деҳ,
Бад-ин пир гуфт: «Эй гави Рӯзбеҳ.

Ба болинат омад шаби тирабахт,
Ба бор омад он сабзшохи[10] дарахт».[11]

Нигаҳ карду он ҷашну оташ бидид,
Инонро бупечиду з-он сӯ кашид.

Кунун духтарони ту ҷуфти ваянд,
Ба ором андар нуҳуфти ваянд.

Бад он мӯю он рӯю он ростӣ
Ҳама[12] шоҳро духтар оростӣ.

1. ИЛ – ё.
2. Л – бувад
3. Л – аз
4. ИЛ – бо
5. Л – Буторой бинад
6. И – Буторой монанди
7. Л – шавад
8. Л – Чу бинад, кунад, бегумон,
9. ИЛ – рӯз.
10. И – хусравонӣ
11. ТПИЛМ – Шаби тирагун дӯши Баҳромшоҳ
12. Л – Ҳаме Ҳамеомад аз дашти нахчиргоҳ.

www.sattor.com

Шаҳаншоҳ Баҳром домоди туст,
Ба ҳар кишваре з-ин сипас ёди туст.

Туро дод ин кишвару марз пок,
Маҳӯр ғам, ки гаштӣ аз андӯҳу бок.

Кунун мо ҳама кеҳтарони туем,
Чӣ кеҳтар, ҳама чокарони туем.

Бифармой фармон, ки фармон турост,
Ҳама кеҳтаронему паймон турост».[1]

Бад-ӯ осиёбону зан хира монд,
Ҳама[2] ҳар яке номи Яздон бихонд.

Чунин гуфт меҳтар, ки «Ин рӯю мӯй
Зи чархи чаҳорум хур овард шӯй».

ЁФТАНИ БАҲРОМИ ГӮР ГАНҶИ ҶАМШЕДРО

Дигар ҳафта омад ба нахчиргоҳ,
Худу мӯбаду вижагони[3] сипоҳ.

Биёмад яке марди меҳтарпараст,
Чу боди дамону асое[4] ба даст.

Бипурсиду гуфто, ки[5] Баҳромшоҳ
Куҷо бошад андар миёни сипоҳ?

Бад-ӯ гуфт мӯбад: «Чӣ хоҳӣ, биҷӯй,
Ту шоҳи ҷаҳонро набинӣ ба рӯй?!»

Бад-ӯ[6] дод посух, ки «То рӯи шоҳ
Набинам, нагӯям сухан бо сипоҳ».

1. ИЛ – б. 504 – 506 нест.
2. Л – Ҳаме
3. Л – вижагон бо
4. ИЛ – гурозе
5. Л – Зи лашкар бипурсид
6. ИЛ – Чунин

www.sattor.com

Бари шоҳ бурданд ҷӯяндаро,[1]
Чунон донишӣ марди гӯяндаро.[2]

Биёмад чу Баҳромро дид, гуфт,
Ки «Бо ту сухан дорам андар нуҳуфт».

Инонро бупечид Баҳроми Гӯр,
Зи дидори лашкар бурун ронд бӯр.

Бад-ӯ гуфт мард: «Эй ҷаҳондор шоҳ,[3]
Ба гуфтори ман кард бояд нигоҳ.

Бад-ин марз деҳқонаму кадхудой,
Худованди ин буму кишту сарой,

Ҳаме об бурдам бад-ин[4] марзи хеш,
Ки дар кор пайдо кунам[5] арзи хеш,

Чу бисёр гашт обу густох шуд,
Миёни яке марз сӯрох шуд.

Шигифтӣ хурӯше ба гӯш омадам,
К-аз он саҳм аз ҷон хурӯш омадам.

Ҳаме омад аз об овои санҷ,
Хурӯшаш ҳаме раҳ намояд ба ганҷ».

Чу бишнид Баҳром, аз он сӯ кашид,
Ҳама дашт пурсабзаву об дид.

Бифармуд, то коргар бо гуроз
Биёранд[6] чанде зи роҳи дароз.

Фуруд омад аз асп шоҳи баланд,
Широъе заданд аз бари киштманд.

1. И – гӯяндаро,
2. И – Ҷаҳондидаи шоҳҷӯяндаро.
3. И – меҳтар ҷаҳондида шоҳ,
4. И – сӯи
5. И – Ки пайдо кунам дар ҷаҳон
6. Л – Биёред

www.sattor.com

Шаб омад гавон[1] шамъ бифрӯхтанд,
Ба ҳар ҷой оташ ҳаме сӯхтанд.[2]

Зи дарё чу хуршед[3] барзад дирафш,
Чу масқул гашт он ҳавои бунафш.

Зи ҳар сӯ бирафтанд коригарон,
Шуданд анҷуман чун сипоҳи гарон.

Заминро ба кандан гирифтанд пок,
Шуд он ҷойи ҳомун саросар[4] мағок.

Зи кандан чу гаштанд мардон сутӯҳ,
Падид омад аз хок ҷое[5] чу кӯҳ.

Яке хонае карда аз пухтахишт,
Ба соруҷ карда ба сони биҳишт.

Кананда табар зад ҳаме аз бараш,
Падид омад аз дур ҷойи дараш.

Чу мӯбад бидид, андаромад ба[6] дар,
Або ӯ яке ирмони дигар.

Яке хона диданд паҳну дароз,
Баровард болои ӯ чанд ёз.

Зи зар карда бар пой ду говмеш,
Яке охуре карда заррин зи[7] пеш.

Забарҷад ба охур-дарун рехта,
Ба ёқути сурх андаромехта.

Чу ду гови гардун[8] миёнаш тиҳӣ,
Шикамшон пур аз нору себу биҳӣ.

1. И – ҳама
2. И – ҳамесӯхтанд.
3. И – Дигар рӯз чун мехр
4. И – ба сони
5. И – коҳе
6. И – зи
7. Л – ба
8. Л – заррин

www.sattor.com

Миёни[1] биҳӣ дурри хушшоб буд,
Ки ҳар донае[2] қатраи об буд.

Ҳамон говро чашм ёқут буд,
Зи пирӣ сари гов фартут буд.[3]

Ҳама гирд бар гирди ӯ шеру гӯр,
Яке дида ёқуту дигар булӯр.

Тазарвони заррину товуси нар,
Ҳама синаву чашмҳошон гуҳар.

Чу дастур дид он, бари шоҳ шуд,
Ба ройи баланд афсари моҳ шуд.

Ба тундӣ ба шоҳи ҷаҳон гуфт: «Хез,
Ки омад ҳама ганҷҳоро ҷаҳиз.

Яке хона пургавҳар омад падид,
Ки чархи фалак дошт онро калид».

Бад-ӯ гуфт меҳтар, ки[4] бар ганҷ ном,
Нависад касе, к-аш бувад ганҷ[5] ком.

Нигаҳ кун бад-ин ганч, то номи кист,
Ҳам огандани ӯ[6] ба айёми кист?»

Биёмад сари мӯбадон, чун шунид,
Бад-он гов-бар номи[7] Ҷамшед дид.

Ба шоҳи ҷаҳон гуфт: «Кардам нигоҳ,
Набиштаст бар гов «Ҷамшедшоҳ».

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй сари мӯбадон,
Ба ҳар кор донотар аз бихрадон[8],

1. И – Ба сони
2. И – К-аз он ҳар яке
3. И – б. 539 нест
4. мИЛ – Баҳром
5. И – рою
6. И – он
7. Л – мӯҳри
8. И – ҳушёртар аз радон,

www.sattor.com

Зи ганҷе ки Ҷамшед бинҳод[1] пеш,
Чаро кард бояд маро ганҷи хеш?

Маро[2] ганҷ к-он ҷуз ба шамшери[3] дод
Фароз ояд аз[4] подшоҳӣ,[5] мабод.

Ба арзониён деҳ ҳама, ҳар чӣ ҳаст,
Мабодо, ки ояд ба мо-бар[6] шикаст.

Агар ном бояд, ки пайдо кунем,
Ба доду ба шамшер ганҷ оганем.

Набояд сипоҳӣ маро баҳра з-ин,
На танг аст бар мо ба мардӣ замин.

Ҳама хоста сарбасар ҳамчунон
Бибояд шумурдан ба расми каён.

Фурӯшед гавҳар ба зарру ба сим,
Зани беваву кӯдакони ятим.

Тиҳидаст мардум, ки доданд[7] ном,
Гусаста дил аз ҷойи[8] орому ком,[9]

Зи вайрону обод гирд оваред,
В-аз он пас якояк ҳама[10] бишмаред[11]

Бубахшид динору ганҷу дирам
Ба музди равони ҷаҳондор Ҷам.

Маро то ҷавон бошаму тандуруст,
Чаро боядам ганҷи Ҷамшед ҷуст?

---

1. И – Зи ранҷе, ки бурдаст Ҷамшед
2. Л – Ҳар он; И – Ҳам он
3. И – Фароз ояд он, дархури ман мабод.
4. Л – он
5. И – он дархури ман;
6. И – Маёвар ба коми ман-андар
7. Л – доранд
8. Л – ному
9. И – б. 557 нест.
10. И – зару гавҳарон
11. ТПЗ – Касеро, ки андӯҳи вом аст низ,
Аз ин ганҷ бояд, ки бошад-ш чиз.

www.sattor.com

Аз он деҳ як онро,ки бинмуд роҳ,
Ҳаме шоҳ ҷуст аз миёни сипоҳ.

Кафан ҳар кӣ бистонад аз Ҷаммшед,
Ба шодӣ мабодаш зи кайҳон умед.

Чу бо лашкарам тан ба ранҷ оварам,
Зи Туру зи Чин ному ганҷ оварам.

Ману аспи шабдизу шамшери тез,
Нагирам фиребу надонам гурез.

В-аз он ҷойгаҳ шуд сӯи ганҷи хеш,
Ки гирд оварид аз хаю ранҷи хеш.

Биёвард гурдони кишвар-шро
Дирам дод яксола лашкар-шро.

Яке базмгаҳ сохт дар навбаҳор,
Биёрост айвони гавҳарнигор.

Майи лаъли рахшон ба ҷоми булӯр,
Чу шуд хурраму шод Баҳроми Гӯр,

Ба ёрон чунин гуфт, к-«Эй саркашон,
Шунида зи тахти бузургон нишон,

Зи Ҳушанг то Нӯзари номдор,
Ки аз Офаридун буд ӯ ёдгор,

Бар ин ҳамнишон то сари Кайқубод,
Ки тоҷи бузургӣ[1] ба сар барниҳод,

Бубинед, то з-он бузургон кӣ монд?
Бар эшон ба дод офарине[2] кӣ хонд?

Чу кӯтоҳ шуд гардиши рӯзгор,
Сухан монд аз он меҳтарон ёдгор,

Ки инро маниш буду онро набуд,
Якеро ситӯҳид,[3] дигар ситуд.

1. Л – Фаридун
2. ИЛ – офарине
3. И – накӯҳид; Л – Якешон накӯҳиду

www.sattor.com

Якояк ба навбат ҳаме бугзарем,
Сазад, гар ҷаҳонро ба бад наспарем.[1]

Чаро ранҷи[2] он рафтагон боядам,
В-агар[3] дил ба динор букшоядам.

Набандам[4] дил андар сарои сипанҷ
Нанозам ба тоҷу нанозам ба ганҷ.

Чу рӯзе[5] ба шодӣ ҳаме бугзарад,
Хирадманд мардум чаро ғам х(в)арад?!

Ҳар он гаҳ ки аз зердастони мо,
Зи деҳқону аз дарпарастони мо

Бинолад яке кеҳтар аз ранҷи ман,
Мабодо сару афсару ганҷи ман.

Яке пир буд, номи ӯ Моҳёр,
Шуда соли ӯ бар саду шасту чор.

Чу овоз бишнид, бар пой хост,
Чунин гуфт, к-«Эй меҳтари доду рост.[6]

Хабар ёфтам аз Фаридуну Ҷам,
В-аз он номдорон ба ҳар бешу кам.

Чу ту шоҳ нашнид кас дар ҷаҳон,
Умеди кеҳониву фарри меҳон.

Дилат гар ба паҳнош[7] дарёстӣ,
Зи дарё чунон мавҷ бархостӣ,

Ки нури суруш аз равони ту хост,
Хирад дар дили марди доно бикост.

1. И –б. 575 нест.
2. И – Чу аз ганҷи; Л – ганҷи
3. И – Магар
4. И – Бубандад
5. И – рӯзаш
6. И – Бад-ӯ гуфт, к-«Эй довари додрост.
7. Л – паҳнои

www.sattor.com

Ту ганҷе пароканд̄и андар ҷаҳон,
Ки он кас надид аз кеҳону меҳон.*[1]

Ба ҳангоми[2] Ҷам чун сухан ронданд,
Варо Ганҷи Говон ҳамехонданд.

Надонист кас дар ҷаҳон, к-он куҷост,
Ба хок аст ё[3] дар дами аждаҳост.

Ту чун ёфт̄и, нангарид̄и ба ганҷ,
Ки нанг омадат з-ин сарои сипанҷ,

Ба дарё ҳамоно, ки чандин[4] гуҳар,
Набинад ҳаме дидаи ҷонвар[5]

Ба дарвеш бахшид̄и он[6] гавҳарон,
Ҳамон гови зар аз[7] карон то карон

Ки тоҷу камар бе ту ҳаргиз мабод,
Ту ободу пирӯзу бахти[8] ту[9] шод.

Басе дафтари хусравон з-ин сухун
Сияҳ гардаду ҳам наёяд ба бун.[10]

ДОСТОНИ БАҲРОМИ ГӮР БО БОЗУРГОНЕ ВА ШОГИРДИ Ӯ

Дигар ҳафта рӯзе[11] ба нахчир шуд,
Дижам буд бо таркашу тир шуд.

1. М – б. 587 нест.
2. И – Бузургон зи
3. И – гар
4. ИЛ – чандон
5. Ба дида набинад касе тоҷвар; Л – Надиду набинанд сар тоҷвар.
6. И – бубахшид з-он
7. И – Ҳама гавҳарони
8. Л – Таноботу пирӯзу тахт аз
9. И – Туро бод пирӯзиву тахт
10. ТПЗИЛ – Пас аз рафтанат номи ту зинда монд,
    Чу гӯянда таърихи рӯзи ту хонд.
11. И – Дувум ҳафта танҳо

www.sattor.com

Зи хуршеди тобанда шуд дашт гарм,
Сипаҳбад зи нахчир[1] баргашт нарм.[2]

Сӯи кохи бозоргоне расид,
Ба ҳар сӯ[3] нигаҳ карду касро[4] надид,

Ба бозоргон гуфт: «Моро сипанҷ
Тавон кард, к-аз мо набинӣ ту ранҷ».

Чу бозоргонаш фуруд оварид,
Бигашту яке шохро ҷо гузид.[5]

Ҳаме буд нолон зи дарди шикам,
Ба бозоргон дод лахте дирам.

Бад-ӯ гуфт: «Лахте панири куҳун,
Або мағзи бодом бирён бикун».

Наёвард бозоргон он чи гуфт,
Набуд мағзи бодомаш андар нуҳуфт.

Чу торик шуд, мизбон рафт нарм,
Яке мурғи бирён биёвард гарм.

Биёрост хон, пеши Баҳром бурд,
Ба бозоргон гуфт Баҳроми гурд,

Ки «аз ту панири куҳан хостам,
Забонро ба хоҳиш[6] биёростам

Наёвардиву дода будам дирам,
Ки «Ноланда[7] будам зи дарди шикам».

Чунин дод посух, ки «Эй бехирад,[8]
Надорӣ хирад, то равон парварад.

1. И – аз он дашт
2. ТПМ – Зи раҳ чун ба айвони худ рӯй дошт,
Чу чанде зи роҳи биёбон гузошт.
3. И – Сипаҳбад
4. И – ӯро
5. Л – хобгаҳ баргузид; И – Нигаҳ карду як ҷойгаҳ баргузид.
6. И – Бад-ин орзу дил
7. ИЛ – Нолида
8. И – камхирад,

www.sattor.com

Чу овардам ин мурғи бирёни гарм,
Фузун хостан нест оини шарм».

Чу бишнид Баҳром аз ӯ ин сухан,
Бишуд з-орзуяш панири куҳан.

Пушаймон шуд аз гуфти худ, нон х(в)ард,[1]
Бар ӯ низ ёди гузашта[2] накард.

Чу ҳангомаи хоб будаш, бихуфт,
Ба бозоргон чизи дигар нагуфт.

Зи дарёи ҷӯшон чу хур бардамид,
Шуд он чодари қиргун нопадид,

Ҳаме гуфт пурмоя бозоргон
Ба шогирд, к-«Эй марди нокордон!

Чаро мурғ, к-арзаш набуд як дирам,
Ба афзун харидиву кардӣ ситам.[3]

Гар арзон будӣ мурғ бо ин савор,
Набудӣ маро тирашаб корзор.

Харидӣ гар ӯро ба донге панир,
Будӣ бо ман имрӯз чун шаҳду шир»,[4]

Чунин гуфт шогирд, к-«Ин як тан аст,[5]
Чунон дон, ки мурғаш[6] шумори ман аст.

Ту меҳмони ман бош бо ин савор,
Бад-ин мурғ бо ман макун корзор».

Чу Баҳром бархост аз хоби х(в)аш,
Бишуд пеши он бораи дасткаш,

Ки з-ин барниҳад, то ба айвон шавад,
Кулоҳаш зи айвон ба кайвон шавад,

1. И – гуфтаву нон бих(в)ард.
2. И – Дигар низ ӯ орзуе
3. И – Харидиву кардӣ ба ман-бар ситам.
4. И – б. 616 нест.
5. И – Чунин дод посух, ки ёри ман аст.
6. ИЛ – мурғ аз

www.sattor.com

Чу шогирд дидаш,[1] ба Баҳром гуфт,
Ки «Имрӯз бо банда мебош ҷуфт».

Бишуд шоҳу наншаст*[2] бар тахти ӯй,
Шигифтӣ фурӯ монд аз бахти ӯй.

Ҷавон рафту овард хоя дувист,
Ба устод гуфт: «Эй гиромӣ,[3] маист.

Бикун мағзи бодом бирёну гарм
Панири куҳан соз бо нони нарм,

Ки ин орзуҳо ҳаме дӣ бихост,
Бубар нону хоне биёрой рост».

Бишуд назди Баҳрому гуфт: «Эй савор,
Ҳаме хоя кардӣ ту дӣ хостор.

Кунун орзуҳо биёрем гарм,
Дигар то расад хӯрданӣ нарм-нарм».[4]

Бигуфт ин сухан, пас ба бозор шуд,
Ба сози дигаргун харидор шуд.

Шакар ҷусту бодому мурғу бара,
Ки ороиши хон кунад яксара.

Маю заъфарон бурду мушку гулоб,
Сӯи хона шуд бо диле пуршитоб.[5]

Биёвард хон бо хуришҳои нағз,
Ҷавон пурманиш буду покизамағз.

Чу нон хӯрда шуд, ҷоми пурмай бибурд,
Нахустин ба Баҳроми хусрав супурд.

Зи хӯрдан*[6] ба ҷоми дамодам шуданд,
Бад-ин гуна то шоду хуррам шуданд,

1. И – дид он,
2. М – биншаст
3. И – Ба бозоргон гуфт: чандин
4. Л – б. 625.
5. Л – диле пур зи тоб.
6. М – хӯрдак

www.sattor.com

Чунин гуфт бо мизбон шаҳрёр,
Ки «Баҳром моро кунад хостор,[1]

Шумо май гусореду мастон шавед,
Маҷунбед, то майпарастон шавед».

Бимолид шабдизу[2] зин барниҳод,
Сӯи гулшан омад зи май гашта[3] шод.

Ба бозоргон гуфт: «Чандин макӯш
Ба афзунӣ, эй марди афзунфурӯш.

Ба донге маро дӯш бифрӯхтӣ,
Ҳаме чашми шогирд бардӯхтӣ,

Ки мурғе харидӣ фузун аз баҳо,
Ниҳодӣ маро дар дами аждаҳо».

Бигуфт ин ба бозоргону бирафт,
Сӯи кохи[4] шоҳӣ гурозид тафт.

Чу хуршед бар тахт[5] бинмуд тоҷ,
Ҷаҳонбон нишаст аз бари тахти оҷ.

Бифармуд хусрав ба солори бор,
Ки бозоргонро кунад хостор.

Биёвард шогирд бо ӯ ба ҳам,
Яке шод аз эшону дигар дижам.

Чу шогирдро дид, бинвохташ,
Бари меҳтарон шод биншохташ.

Яке бадра бурданд наздики ӯй,
Ки чун моҳ шуд ҷони торики ӯй.

Ба бозоргон гуфт: «То зиндаӣ,
Чунон дон, ки шогирдро бандаӣ.

---

1. И – б. 633 – 634 нест.
2. И – гулранг,
3. И – шуда масту
4. ИЛ – гоҳи
5. Л – чарх; И - гоҳ

www.sattor.com

Ҳамон низ ҳар моҳиёна ду бор,
Дирам шаст ганҷе бар ӯ баршумор.

Ба чизи ту ӯ[1] сози меҳон кунад,
Дили марди озода хандон[2] кунад».

Ба мӯбад чунин гуфт з-он пас, ки «Шоҳ,
Чу кори ҷаҳонро надорад нигоҳ,

Чӣ донад, ки мардум кадом аст меҳ,
Чӣ гуна шиносад бадонро зи беҳ?

Кунун, эй хирадманди донишпазир,
Агар бихрадӣ, як сухан ёд гир.

Бахилӣ макун эч, агар мардумӣ,
Ҳамоно зи ту кам кунад хуррамӣ.[3]

КУШТАНИ БАҲРОМИ ГӮР АЖДАҲОРО ВА ДОСТОНИ Ӯ БО ЗАНИ ПОЛИЗБОН

Ҳаме буд якчанд бо меҳтарон,
Майи равшану ҷому ромишгарон.

Баҳор омаду хок шуд чун биҳишт,
Ба рӯи замин-бар ҳаво лола кишт.

Ҳама бумҳо пур зи нахчир гашт,
Ба ҷӯй обҳо чун маю шир гашт.

Гурозидани гӯру оҳу ба шах,
Кашиданд бар сабза ҳар ҷой нах.

Ҳама ҷӯйборон пур аз мушкдум,
Ба сони гули нор шуд май ба хум.

Бигуфтанд бо шоҳ Баҳроми Гӯр,
Ки шуд дер ҳангоми нахчири гӯр.

Чунин дод посух, ки «Марде ҳазор
Гузин кард бояд зи лашкар савор.

1. Л – то; И – ар.
2. Л – Бад-ин бошад аз доду фармон; И – Бад-ин бошад аз доду паймон
3. И – б. 651, 652 нест.

www.sattor.com

Биёвард бояд ҳама[1] юзу боз,
Ҳама чарғу[2] шоҳини гарданфароз.

Аз эдар сӯи Тур бояд шудан,
Бибояд ба нахчир моҳе будан».[3]

Сӯи Тур шуд шоҳи нахчирҷӯй,
Ҷаҳон дид яксар пур аз рангу бӯй.

Зи гӯру зи ғурму зи оҳу ҷаҳон
Бипардохтанд он диловар меҳон.

Ду рӯз андар он корҳо шуд диранг,
Ҳаме буд Баҳром бо май ба ҷанг.[4]

Се дигар чу бифрӯхт гетифирӯз,
Шаби тира бугрехт аз бими рӯз,[5]

Барафрохт хуршеди рахшанда тоҷ,
Замин зард шуд, кӯҳу дарё чу оҷ.[6]

Ба нахчир шуд шаҳрёри далер,
Яке аждаҳо дид чун наррашер,

Ба болои ӯ мӯй буд бар сараш,
Ду пистон ба сони[7] занон бар бараш.

Камонро ба зеҳ карду тири ходанг
Бизад бар бари[8] аждаҳо бедиранг.

---

1. И – бо хештан
2. И – Ҳамон мурғи
3. И – И – задан.
4. И – б. 664 нест.
5. Л – б. 649 – 665 нест:
И – Чу се рӯз бугзашт аз урдубиҳишт,
Шуд аз сабза полизҳо чун биҳишт.
6. И – Ҳаме ронд шабдизро нарм-нарм,
Бад-ин гуна, то рӯз баргашт гарм.
Фуруд омад аз ҷойгаҳ шаҳрёр,
Парастандае гуфт: «Ҷоми май ор.
Бибуд маст(у) шодон шаб он ҷойгоҳ,
Чу хуршед бинмуд арринкулоҳ.
7. Л – чу они
8. И – сари

www.sattor.com

Дигар тир зад бар миёни сараш,
Фурӯ рехт хунобу заҳр[1] аз бараш.

Фуруд омаду ханҷаре баркашид,
Саросар бари[2] аждаҳо бардарид.

Яке марди барно фурӯ бурда буд,
Ба хуну ба заҳр-андар афсурда буд.

Бар он мурда бигрист бисёр[3] зор,
В-аз он заҳр шуд чашми Баҳром[4] тор.[5]

Ҳаме ронд ҳайрону печон[6] ба роҳ,
Ба хобу ба об[7] орзуманд шоҳ.

Чунин то ба ободҷое расид,
Ба ҳомун сӯе дар сарое расид.

Зане дид бар китфи ӯ-бар сабӯй,
Зи Баҳроми хусрав бипӯшид рӯй.

Бад-ӯ[8] гуфт Баҳром, к-«Эдар сипанҷ
Диҳед, ар[9] бибояд гузаштан ба ранҷ.

Чунин[10] гуфт зан, к-«Эй набардасавор,
Ту ин хона чун[11] хонаи хеш дор.

Чу посух шунид, асп дар хона ронд,
Зани мизбон шӯйро пеш хонд.

---

1. Л – чун об хун
2. И – Саропои он
3. И – Баҳром
4. И – Шуд аз заҳри ӯ чашми солор
5. ТПЗЛ – Бурун кард мар мурдаро аз бараш,
   Ки ҳаргиз мабодо бараш бо сараш;
   И – Пас аз б. 673 ин б. омада:
   Биёмад сӯи об, танро бишуст.
   Яке ҷойгоҳи ниёиш биҷуст.
   Фаровон бимолид рух бар замин,
   Ҳаме кард бар Кирдгор офарин.
6. И – В-аз он ҷо биёмад шитобон.
7. И – ба хӯрд
8. И – Ба зан
9. И – Диҳӣ то
10. И – Бад-ӯ
11. И – хонаро

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт: «Коҳ ору аспаш бимол,
Чу шона надорӣ ба пашмин ҷувол».

Худ[1] омад ба ҷое, ки будаш[2] нуҳуфт,
Зи пеш андарун рафту хона бируфт.

Ҳасире бигустурду болин ниҳод,
Ба Баҳром- бар офарин кард ёд.

Сӯи хонаи об шуд, об бурд,
Ҳаме дар ниҳон шӯйро баршумурд,

Ки ин пири аблаҳ, бимонад ба пой,[3]
Ҳар он гаҳ ки бинад касе дар[4] сарой.

Набошад чунин кор, кори занон,
Манам лашкариро зи хидматкунон.[5]

Бишуд шоҳ Баҳрому рухро бишуст,
К-аз он аждаҳо буд нотандуруст.[6]

Биёвард зан хону бинҳод рост
Бар ӯ тарраву сиркаву нону мост.

Бихӯрд андаке нону нолон бихуфт,
Ба дастори чинӣ рух андарнуҳуфт.

Чу аз хоб бедор шуд, зан ба шӯй
Ҳаме гуфт, к- «Эй зишти ношустарӯй,

Бара кушт бояд туро, к-ин савор
Бузург асту аз тухман шаҳрёр.

Ки бурзи каён дораду фарри моҳ,
Намонад ҳаме ҷуз ба Баҳромшоҳ».[7]

1. Л – Чу
2. И – Фуруд оваридаш ба ҷое
,3. И – ҷой
4. И – пас андар
5. Л – б. 684, 685 нест.
6. ТП – Биёмад, нишаст, аз бари он ҳасир,
Ба дархона бар пой буд марди пир.
7. И – фарри каён дораду рӯи

www.sattor.com

Чунин гуфт бо зан фурӯмоя шӯй,
Ки «Чандин чаро боядат гуфтугӯй?

Надорӣ намаксуду ҳезум, на нон,
На шаб дук ресӣ ҳаме чун занон,

Бара куштиву хӯрду рафт ин савор,
Чӣ ояд туро з-ӯ дар ин раҳгузор?

Зимистону сармову боди дамон
Ба пеш оядат як замон[1] бегумон.

Ҳаме гуфт анбозу нашнид зан,
Ки ҳам некзан буду ҳам ройзан.

Бара кушта шуд ҳам ба фарҷоми кор
Ба гуфтори он зан зи баҳри савор.

Чу шуд кушта, деге тарина бипухт,
Бибурд оташу ҳезуми нимсӯхт.

Биёвард хоне бари шаҳрёр,
Бар ӯ хояву тарраи ҷӯйбор.

Яке пойи бирён бибурд аз бара,
Ҳамон пухта чизе, ки буд яксара.

Чу Баҳром даст аз хуришҳо бишуст,
Ҳаме буд бехобу[2] нотандуруст.

Чу шаб кард бо офтоб анҷуман,
Кадуи маю санҷид овард зан.

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй зани камсухан,
Яке достон гӯй бо ман куҳан.

Бад-он то ба гуфтори ту май х(в)арам,[3]
Даме дар[4] дил андӯҳро бишкарам.[5]

1. И – ногаҳон
2. И – нолону
3. Л – хӯрем,
4. Л – Ба май бар
5. Л – бишкарем.

www.sattor.com

Ба ту достон низ кардам яла,
Аз ин шоҳат озодӣ аст аз гала».

Зани камсухан гуфт, к-«Оре, накӯст
Ҳам оғозу фарҷоми ҳар кор аз ӯст».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Ин асту бас,
Аз ӯ доди хубӣ набинанд[1] кас».

Зани пурманиш[2] гуфт, к-«Эй покрой,[3]
Бад-ин деҳ[4] фаровон кас асту сарой.

Ҳамеша гузори саворон бувад,
Зи девони шаҳ[5] кордорон бувад.

Яке номи дуздӣ ниҳад бар касе,
Ки фарҷом аз он ранҷ ёбад басе.

Бикӯшад зи баҳри дирам панҷу шаш,
Ки нохуш[6] кунад бар дилаш рӯзи х(в)аш.

Зани поктанро ба олудагӣ
Барад ному ёзад[7] ба беҳудагӣ.

Зиёне бувад, к-он наёяд ба ганҷ,
Зи шоҳи ҷаҳондор ин аст ранҷ».

Пурандеша шуд з-ин сухан шаҳрёр,
Ки бад шуд варо ном аз он пойкор.[8]

Ба дил гуфт пас шоҳи яздоншинос,
Ки «Аз додгар кас надорад ҳарос.[9]

Дурուштӣ кунам з-ин сипас рӯз чанд,
Ки пайдо шавад меҳру дод[10] аз[11] газанд.

1. Л – Ба чуз доди хубиш наҳоҳанд
2. И – мизбон
3. хуброй,
4. И – Дар ин
5. Л – девону аз
6. Л – Ки то хун
7. И – кӯшад
8. Л – ёдгор: И –б. 713, 714 нест.
9. ИЛ – сипос.
10. И – Ки то дод пайдо шавад
11. Л – доду

www.sattor.com

Бад-ин тираандеша печон нахуфт,
Ҳама шаб дилаш бо ситам буд ҷуфт.

Бад-он гаҳ ки хур чодари мушкбӯй
Бидарриду бар чарх бинмуд рӯй,[1]

Биёмад зан аз хона, бо шӯй гуфт,
Ки ҳаркораву оташ ор аз нуҳуфт,

Зи ҳар гуна тухм андарафкан ба об,
Набояд, ки бинад варо офтоб.

Кунун то бидӯшам ман аз гов шир,
Ту ин кори ҳаркора осон магир».

Биёвард гов аз чарогоҳи хеш,
Фаровон гиё бурду бинҳод пеш.

Ба пистон-ш-бар даст молиду гуфт
Ба номи Худованди беёру ҷуфт.

Тиҳӣ дид пистони говаш[2] зи шир,
Дили мизбони ҷавон гашт пир.

Чунин гуфт бо шӯй, к-«Эй кадхудой,
Дили шоҳи гетӣ дигар шуд ба рой.

Ситамкора шуд шаҳрёри ҷаҳон,
Дилаш дӯш печон шуд андар ниҳон».

Бад-ӯ гуфт шӯй: «Аз чӣ гӯӣ ҳаме,
Ба фоли бад-андар чӣ ҷӯӣ ҳаме?»

Бад-ӯ[3] гуфт зан, к-«Эй гаронмоя шӯй,
Маро беҳуда нест ин[4] гуфтугӯй.

Зи гардун натобад бибоист моҳ,
Чу бедодгар шуд ҷаҳондор шоҳ.

1. И –б. 717, 718 нест.
2. И – ғорак
3. ИЛ – Чунин
4. И – нест беҳуда он

www.sattor.com

Ба пистонҳо-дар шавад шир хушк,
Набӯяд ба нофа-дарун низ мушк.

Зинову риё ошкоро шавад,
Дили нарм чун санги хоро шавад.

Ба дашт-андарун гург мардум хӯрад,
Хирадманд бугрезад аз бехирад.

Шавад хоя дар зери мурғон табоҳ,
Ҳар он гаҳ ки бедодгар гашт шоҳ.[1]

Чарогоҳи ин гов камтар набуд,
Ҳам обишхӯраш низ бадтар набуд.

Ба пистон чунин хушк шуд шири ӯй,
Дигаргуна шуд ранги чун қири[2] ӯй».

Чу шоҳи ҷаҳон ин суханҳо шунуд,
Пушаймонӣ омад аз андеша зуд.[3]

Ба Яздон чунин гуфт, к-Эй комгор,[4]
Тавонову дорандаи рӯзгор,[5]

Агар тоб гирад дили ман зи дод,
Аз ин пас маро тахти шоҳӣ мабод.

Зани фарруху поку[6] яздонпараст
Дигарбора бар гов молид даст.

Ба номи Худованд зад дасту[7] гуфт,
Ки берун гузорӣ ту шир аз нуҳуфт.

---

1. И – Пас аз б. 733 ин б. омада:
   Назояд ба ҳангом дар дашт гӯр,
   Шавад баччаи бозро дида кӯр.
2. Л – рангу ожири
3. Л – зи андеша суд.
4. И – Кирдгор.
5. И – донову парвардгор.
6. ИЛ – фаррухи поки
7. Л – Зардушт

www.sattor.com

Зи пистони говаш[1] биборид[2] шир,
Зани мизбон гуфт, к-«Эй дастгир,

Ту бедодро кардаӣ додгар,
В-агарна набудӣ варо ин ҳунар».

В-аз он пас чунин гуфт бо кадхудой,
Ки «Бедодро рой шуд боз ҷой.

Ту бо хандаву ромишӣ боз аз ин,
Ки бахшид бар мо ҷаҳонофарин».

Ба ҳаркора-дар шир чун пухта шуд,
Зану мард аз он кор пардахта шуд,

Ба наздики меҳмон шуд ин покрой,
Ҳаме бурд хон аз пасаш кадхудой.

Ниҳода бад-ӯ косаи ширбо,
Чу некӯ будӣ, гар будӣ зербо.

Аз он ширбо шоҳ лахте бих(в)ард,
Чунин гуфт пас бо зани поймард,[3]

Ки «Ин тозиёна ба даргоҳ бар,
Биёвез[4] ҷое, ки бошад гузар.

Нигаҳ кун яке шоҳи нарри[5] баланд,
Набояд, ки аз бод ёбад газанд.

В-аз он пас бубин, то кӣ ояд зи роҳ,
Ҳаме кун бад-ин тозиёна нигоҳ.

Худованди хона бипӯид сахт,
Биёвехт он шеби шоҳ[6] аз дарахт.

Ҳамон дошт ӯро замоне нигоҳ,
Падид омад аз роҳ бемар сипоҳ.

1. И –говак
2. И – биёзид
3. Л – бо зан ба фармони мард.
4. И – Даровез
5. Л – бартар
6. Л – з-он сон, ки гуфт

www.sattor.com

Ҳар он кас, ки он тозиёна бидид,
Ба Баҳром-бар офарин густарид.

Пиёда ҳама пеши шеби дароз
Бирафтанду бурданд як-як намоз.

Зану ҷуфт[1] гуфт: «Ин ҷуз аз шоҳ нест,
Чунин чеҳра ҷуз дархури[2] гоҳ нест».

Пур аз шарм рафтанд ҳар ду зи роҳ,
Пиёда давон то ба наздики шоҳ,

Ки «Шоҳо, бузурго, радо, бихрадо,
Ҷаҳондору бар мӯбадон мӯбадо,[3]

Бад-ин хона дарвеш буд мизбон,
Зане бенаво, шӯй полезбон.

Бад-ин бандагон[4] низ кӯшиш набуд,
Ҳам аз шоҳ моро пажӯҳиш набуд,

Ки чун ӯ бад – ин ҷой меҳмон расад,
Бад – ин бенаво миҳану мон расад».

Бад – ӯ гуфт Баҳром, к – «Эй Рӯзбеҳ,
Туро додам ин марзу ин буму деҳ.

Ҳамеша ҷуз аз мизбонӣ макун,
Бар ин бошу полезбонӣ макун».

Бигуфт ину хандон бишуд з – ин[5] сарой,
Нишаст аз бари бораи[6] бодпой.

Бишуд з – ин деҳи бенаво шаҳрёр,
Биёмад ба айвони гавҳарнигор.[7]

1. Л – шӯй
2. Л - аз дари
3. И – б. 757 758 нест.
4. Л – бандагӣ
5. Л – он гаҳ бишуд з – он; И – хуррам бишуд з-он.
6. И – тозии
7. ИЛ – б. 765 нест.

www.sattor.com

РАФТАНИ БАҲРОМИ ГӮР БА НАХЧИР ВА ХОСТАНИ ДУХТАРОНИ БАРЗИНДЕҲҚОН

Ба рӯзе се дигар[1] бурун рафт шоҳ,
Або лашкару сози нахчиргоҳ.

Бузургони Эрон зи баҳри шикор
Ба даргоҳ рафтанд сесад савор.

Або ҳар саворе парастандасӣ
Зи турку зи румиву аз порсӣ.[2]

Ба дебо биёроста даҳ шутур,
Рикобаш ҳама зарру полон – ш дур.

Даҳ уштур нишастангаҳи шоҳро
Ба дебо биёроста гоҳро.

Ба пеш-андарун сохта ҳафт пил,
Бар ӯ тахти пирӯза ҳамранги нил.

Ҳама пояи тахт зарру булӯр
Нишастангаҳи шоҳ Баҳроми Гӯр.

Або ҳар яке теғзан сӣ ғулом,
Ба зарринкамарҳову зарринситом.

Сад астар буд аз баҳри ромишгарон,
Ҳама бар сарон афсар аз гавҳарон

Або боздорон саду шаст боз,
Дусад чарғу шоҳини гарданфароз.

Пас-ндар яке мурғ будӣ сиёҳ,
Гиромитар он буд дар[3] чашми[4] шоҳ.

Сиёҳаш ду чангу ба минқор зард,
Чу зарри дурахшанда бар ложвард.

1. И – чаҳорум
2. ИП – б. 767, 768 нест.
   ТПЛМ – Парастанда сесад аз айвони шоҳ,
   Бирафтанд бо сози нахчиргоҳ.
3. Л – бар
4. И – наздики

www.sattor.com

Ҳаме хондандиш Туғро*[1] ба ном,
Ду чашмаш чунон чун пур аз хун ду ҷом,

Ки хоқон ба хусрав[2] фиристода буд,
Дигар тахт бо тоҷи[3] беҷода буд.

Яке тавқи заррин забарҷаднигор,
Чиҳил ёраву сиву аш гӯшвор.

Шутурвор сесад зароиф зи Чин
Фиристоду ёқут сесад нигин.

Паси боздорон саду бист юз,
Бибурданд бо шоҳи гетифурӯз.

Биёроста тавқи юз аз гуҳар,
Бад – ӯ андар афканда занҷири зар.

Биёмад шаҳаншоҳ аз ин сон ба дашт,
Ҳаме тоҷаш аз муштарӣ баргузашт.

Ҳар он кас, ки буданд нахчирҷӯй,
Сӯи оби дарё ниҳоданд рӯй.

Ҷаҳондор[4] Баҳром ҳар ҳафт сол
Бад – он об рафтӣ ба фархунда фол.

Чу лашкар ба наздики дарё расид,
Шаҳаншоҳ дарё пур аз мурғ дид.

Бизад таблу Туғро[5] шуд андар ҳаво,
Шикебо набуд мурғи фармонраво.

Забун буд чанголи ӯро куланг,
Шикоре, ки нахчири ӯ буд паланг.

Уқобе ба чанг омадаш, бардамид,
Саранҷом гашт аз ҳаво нопадид.[6]

---

1. М - Туғрал
2. ИЛ – хоқони Чинаш
3. Л – Яке тахт бо тоҷу
4. И – Ҷаҳонҷӯй
5. ИМ – Туғрал
6. Л – Саранҷом шуд дар ҳаво нопадид,
   Куланге ба чанг омадаш, бардамид.

www.sattor.com

Бипаррид бар сони тир аз камон,
Яке боздор аз паси ӯ дамон.

Дили шоҳ гашт аз паридан – ш танг,
Ҳаме тохт аз пас бар овои занг.

Яке боғ пеш андаромад фарох,
Баровварда аз гӯшаи боғ кох.

Бишуд тозиён бо тане чанд шоҳ,
Ҳаме буд лашкар ба нахчиргоҳ.

Чу Баҳроми Гӯр[1] андаромад ба боғ,
Яке ҷой дид аз пасаш тундроғ.[2]

Миёни гулистон яке обгир
Ба лаб барнишаста[3] яке марди пир.

Заминаш ба дебо биёроста,
Ҳама боғ пурбандаву[4] хоста.

Се духтар бари ӯ нишаста чу оҷ,
Ба сар барниҳода зи пирӯза тоҷ.

Ба рух чун баҳору ба боло баланд,
Ба абрӯ камону ба гесӯ каманд.

Яке ҷом бар дасти ҳар як булӯр,
Бад – эшон нигаҳ кард Баҳроми Гӯр.

Зи дидорашон чашми ӯ[5] хира гашт,
Зи бозори Туғро[6] дилаш тира гашт.

Чу деҳқони пурмоя ӯро бидид,
Рухи ӯ шуд аз бим чун шанбалид.

Хирадманд пиреву Барзин ба ном,
Дили ӯ шуд аз шоҳ ношодком.[7]

1. И – Баҳромшоҳ
2. И – Яке боғ дид аз фарохӣ чу роғ.
3. И – Нишаста бар ӯ – бар
4. И – бо бандаву.
5. И – шаҳ
6. И – Ҳам аз кори туғрал
7. Л – б. 803 нест.

www.sattor.com

Бирафт аз лаби ҳавз Барзин чу бод,
Бари шоҳ шуд, хокро бӯса дод.

Чунин[1] гуфт к – «Эй шоҳи хуршедчеҳр,
Ба коми дилат бод[2] гардонсипеҳр.

Наёраст гуфтан, ки эдар биист
Бад – ин марзи ман бо саворе дувист.

Сари бахти Барзин барояд ба моҳ,
Агар шод гардад бад – ин боғ шоҳ».

Ба Барзин чунин гуфт шоҳи ҷаҳон,
Ки «Имрӯз Туғро шуд аз мо ниҳон.

Дилам гашт аз ин мурғи гиранда танг,
Ҳаме тохтам пас бар овои занг».

Чунин посух овард Барзин ба шоҳ,
Ки «Акнун яке мурғ дидам сиёҳ,[3]

Або ранги[4] заррин, танаш ҳамчу қир,
Ҳамон чанги минқори ӯ чун зарир.

Биёмад, бар он гавзбун барнишаст,
Ҳам акнун ба бахти ту ояд ба даст».

Ҳамон гаҳ яке бандаро гуфт шоҳ,
Ки «Шав, гавзбун кун саросар нигоҳ».

Бишуд банда чун бод, овоз дод,
Ки «Ҳамвора шоҳи ҷаҳон шод бод!

Ки Туғро ба шохе баровехтаст,
Кунун боздораш, бигирад ба даст,

Чу Туғро[5] падид омад, он пир гуфт,
Ки «Эй бар замин шоҳи беёру[6] ҷуфт.

1. Л-Бад-ӯ.
2. Л – ту гардод
3. И – б. 805 – 810 нест.
4. Л – занги
5. И – туғрул
6. - бобод

www.sattor.com

Пайи мизбон бар ту фархунда бод,
Ҳама тоҷдорон[1] туро банда бод.

Бад – ин шодӣ акнун яке ҷом хоҳ,
Чу ороми дил ёфтӣ, ком хоҳ».

Шаҳаншоҳи гетӣ бад – он обгир,
Фуруд омаду шодмон гашт пир.

Биёмад ҳамон гоҳ дастури[2] ӯй,
Ҳам он хайлдорону ганҷури[3] ӯй.

Биёвард Барзин майи сурху ҷом,[4]
Нахустин зи шоҳи ҷаҳон буд ном,

В – аз он пас биёвард ҷоми булӯр,
Ниҳоданд бар дасти Баҳроми Гӯр.

Ҷаҳондор чун дид,[5] бистад набид,
В – аз андозаи хатт(у)[6] бартар кашид.

Чу барзин чунон дид, баргашт шод,
Биёмад, ба ҳар ҷой хумме ниҳод.

Чу шуд маст Барзин, бад – ин духтарон
Чунин гуфт, к – «Эй пурҳунар кеҳтарон,

Бад - ин боғ Баҳромшоҳ омадаст,
На гарданкашон з - он[7] сипоҳ омадаст.

Ҳало, чома пеш овар, эй чомагӯй,
Ту чанг овар, эй духтари моҳрӯй».

Бирафтанд ҳар се ба наздики шоҳ,
Ниҳода ба сар – бар зи гавҳар кулоҳ.

Яке пойкӯбу дигар чангзан,
Се дигар хушовозу андӯҳшикан.

---

1. И – шаҳрёрон
2. И – бар он боғ ганҷури
3. И – Ҳама роздорону дастури
4. Л – пурмай яке зардҷом,
5. И – Ҷаҳонҷӯй Баҳром
6. И – Зи хатту зи андоза
7. И – аз

www.sattor.com

Бар овози[1] эшон шаҳаншоҳ ҷом
Зи бода тиҳӣ карду шуд[2] шодком.

Бад – ӯ гуфт, к - «Ин духтарони киянд,
Ки бо ту бад – ин шодмонӣ[3] зиянд?»

Чунин гуфт Барзин, ки «Эй шаҳрёр,
Мабинод бе ту касе[4] рӯзгор.

Чунин дон, ки он духтарони мананд,
Писандидаву дилбарони мананд.

Яке чомагӯву дигар чангзан,
Севум пой кӯбад шикан бар шикан.

Зи чизе маро нест шоҳо, камӣ,
Дирам ҳасту динору боғу замӣ.

Се духтар,[5] ба кирдори хуррамбаҳор,
Бад – ин сон, ки бинад ҳаме шаҳрёр.

Бад – ин чомазан гуфт, к – «Эй моҳрӯй,
Бипардоз дил, чомаи шоҳ гӯй».

Бутон чомаву[6] чанг барсохтанд,
Якояк дил аз ғам бипардохтанд.

Нахустин шаҳаншоҳро чомагӯй
Чунин гуфт, к – «Эй хусрави моҳрӯй,

Намонӣ, магар[7] бар фалак моҳро,
Нашоӣ, магар хусравӣ гоҳро.

Ба дидор моҳу ба болой соч,
Бинозад ба ту тахти шоҳиву тоҷ.

Хунук он, ки шабгир бинад-т рӯй,
Хунук он ки ёбад зи мӯйи ту бӯй.

1. Чи бистад аз
2. Л – Забон кард гӯёву дил
3. И – шодкомӣ
4. И – кас ин
5. Л – Чаҳорум
6. Л – чома бар
7. Л – ҳаме

www.sattor.com

Миён танг чун бабру бозу ситабр,
Ҳаме фарри тоҷат барояд ба абр.

Ба гулнор монад ҳаме чеҳри ту,
Ба шодӣ бихандад дил аз меҳри ту.

Дилат ҳамчу дарёву дастат[1] чу абр,
Шикори камандат палангу[2] ҳизабр.

Ҳаме мӯ шикофӣ ба пайкони тир,
Ҳаме об гардад зи доди ту шер.

Сипоҳе, ки бинад каманди туро,
Ҳамон бозуи зӯрманди туро,

Бидаррад дилу мағзи ҷанговарон,
В-агарчанд бошад сипоҳи гарон.[3]

Чу он чома бишнид Баҳроми Гӯр,
Бихӯрд он гаронсанг ҷоми булӯр.

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй сарафроз мард,[4]
Чашида зи гетӣ басе гарму сард.

Наёбӣ ту домод беҳтар зи ман,
Гави шаҳрёрон, сари анҷуман.

Ба ман[5] деҳ ту ин ҳар се духтар-тро,
Ба кайвон барафроз афсар-тро».[6]

Бад-ӯ гуфт Барзин, ки «Эй шаҳрёр,
Ба ту шод бодо маю майгусор,

Кӣ ёрист гуфтан худ андар ҷаҳон,
Кӣ дорад[7] чунин заҳра андар ниҳон?

Маро гар пазирӣ ба сони раҳӣ,
Ки бипарастам он тахти шоҳаншаҳӣ,

1. Л – роят
2. Л – Шикорат набинам ҳаме ҷуз
3. И – б. 840 –848 нест.
4. И – Ба Барзин чунин гуфт, к-«Эй родмард.
5. И – Маро
6. Ба ман тоза кун фаррух ахтар-тро
7. Л – Киро буд

www.sattor.com

Парастиш кунам тоҷу тахти туро,
Ҳам он фарру афрангу[1] бахти туро.

Ҳамон[2] ин се духтар парастандаанд,
Ба пеши ту бар пой чун бандаанд.

Парастандагонро писандид[3] шоҳ,
Бар ин сон чу[4] аз дур дид ин[5] се моҳ.

Ба болой соҷанду ҳамранги оҷ,
Сазовори тахтанду зебои тоҷ.

Бигӯям кунун, он чи ҳастам ниҳон,
Баду нек бо шаҳрёри ҷаҳон.

Зи пӯшиданӣ, ҳам зи густурданӣ,
Зи афканданӣ, ҳам пароканданӣ.

Ҳамоно шутурвор бошад дувист,
Ба айвони ман банда, гар беш нест.

Ҳамон ёраву тавқ бо тоҷу тахт,
К-аз он духтарон шод бошанд сахт».

Зи Барзин бихандид Баҳрому гуфт,
Ки чизе, ки дорӣ ту андар нуҳуфт,

Бимон, то бибошад ҳамон ҷо ба ҷой,
Ту бо ҷоми май сӯи ромиш гарой».

Бад-ӯ гуфт пир: «Ин[6] се духти чу моҳ
Ба роҳи[7] Каюмарсу Ҳушангшоҳ[8]

Туро додаму хоки пойи[9] туанд,
Ҳамон ҳар се зинда барои[10] туанд.

1. ИЛ – авранду
2. Маро
3. Л – парастид
4. Л – ки
5. Л – он
6. Л – ройи; И – дини
7. И – гуфт, ин
8. И – Ҷамшедшоҳ
9. Л – қӯи
10. Л – ба бӯи; И – Парастандае дар сарои

www.sattor.com

Меҳиндухтро ном Моҳофарид,
Фаронак дигар буд, дигар Шанбалид.

Писандидашон шоҳ, чун дидашон,
Зи бонузанон низ бугзидашон.[1]

Бифармуд, то маҳди заррин чаҳор
Биёрад зи лашкар яке номдор.

Чу ҳар се бут андар иморӣ нишаст,
Зи румӣ ҳаме ходим овард шаст.[2]

Ба гирди бутон дар ҳаме ронданд,
Бар эшон ҳаме офарин хонданд.[3]

Ба мушкӯи заррин шуданд он[4] се моҳ,
Ҳаме буд, то масттар гашт шоҳ.

Яке банда тозонаи шоҳро
Бибурду биёрост даргоҳро.

Сипаҳро зи солори гарданкашон,
Ҷуз он тозиёна набудӣ[5] нишон.

Чу дидӣ касе шоҳшеби дароз,
Давон пеш рафтиву бурдӣ намоз.

Ҳаме буд Баҳром, то гашт маст,
Чу хуррам шуд, андар иморӣ нишаст.

Биёмад ба мушкӯи заррини хеш,
Сӯи хонаи анбарогини[6] хеш.

---

1. ТПЛ – Ба Барзин чунин гуфт он ҳар се моҳ,
Писандид, чун дид Баҳромшоҳ.
ЗИ – Ба Барзин чунин гуфт*, к-ин ҳар се моҳ,
Писандидаму барнишондам ба гоҳ.
*И – Бад-ӯ гуфт Баҳром.
2. Л – Чиҳил ходими бутпараст;
И – Нишастанд бар маҳд – ӯ ҳар се моҳ,
Чиҳил ходим омад сапеду сиёҳ.
3. И – б. 872 нест.
4. Л – ин
5. И – набудаш
6. И – гавҳарогини

www.sattor.com

Чу омад, яке[1] ҳафта он ҷо[2] бибуд,
Басе хӯрду[3] бахшиду гуфту шунуд.[4]

ҲУНАР НАМУДАНИ БАҲРОМИ ГӮР БА НАХЧИР ВА ХОСТАНИ ДУХТАРИ ГАВҲАРФУРӮШ

Ба ҳаштум биёмад ба дашти шикор
Худу Рӯзбеҳ бо саворе ҳазор.

Ҳама дашт яксар пур аз гӯр дид,
Зи таркаш камони каёнӣ кашид.[5]

Ду зоғи сияҳро[6] ба зеҳ барниҳод,
Зи Яздони пирӯзгар кард ёд.

Баҳорону гӯрон шуда ҷуфтҷӯй,
Зи гетӣ[7] ба рӯй андаровард рӯй.

Ҳаме пӯст канд ин аз он, он аз ин,[8]
Зи хуншон шуда лаъл рӯи[9] замин.

Ҳаме буд Баҳром то гӯри нар
Ба мастӣ барошуфт як бо[10] дигар.[11]

Чу пирӯз шуд наррагӯри далер,
Яке модаро андаровард зер.[12]

Ба зеҳ дошт Баҳроми ҷангӣ камон,
Бихандид чун диду шуд шодмон.

Бизад тир бар пушти он гӯри нар,
Гузар кард бар гӯр пайкону пар.

1. Л – ба
2. И – Яке ҳафта хуррам бар он ҷой
3. И – доду
4. И – шодӣ намуд.
5. И – каён баркашид; Л – каӣ баркашид.
6. И – камонро
7. Л – киштӣ
8. И – он аз он, ин аз ин,
9. И – Шуда лаъл аз хуни эшон
10. Л – ҷудо шуд яке аз
11. И – ҷудо гашт аз якдигар.
12. Л – б. 886 нест.

www.sattor.com

Нару модаро ҳар ду барҳам[1] бидӯхт,
Дили лашкар аз захми ӯ барфурӯхт.

Зи лашкар ҳар он кас, ки он захм дид,
Бар он[2] шаҳрёр офарин густарид,

Ки чашми бад аз фарри ту[3] дур бод,
Ҳама рӯзгорони ту[4] сур бод.

Ба мардӣ ту андар замона навӣ,
Ки ҳам шоҳу ҳам хусраву ҳам гавӣ.

КУШТАНИ БАҲРОМ ШЕРОНРО ВА РАФТАНАШ БА ХОНАИ ГАВҲАРФУРӮШ ВА ХОСТАН ДУХТАРИ ӮРО

В-аз он ҷо барангехт шабранг[5] шоҳ,
Яке беша пеш андаромад ба роҳ,

Ду шери жаён пеши он беша дид,
Камонро ба зеҳ карду андаркашид.

Бизад бар бару[6] синаи шер чок,
Гузар кард пайкону пар то[7] ба хок.

Бари мода шуд тезу букшод шаст,
Бари шер бо гирдронаш бубаст.

Чунин гуфт, к-«Ин тири бепар бувад,
Набуд тез пайкони ӯ, гар бувад».

Сипоҳаш ҳама хонданд[8] офарин,
Ки «Эй номвар шаҳрёри замин,

1. Л – ба ҳам бар; И – бо ҳам
2. Л – Абар
3. И – шаҳ
4. И – зиндагониш дар
5. И – Аз он ҷо биёмад сипаҳдор.
6. Л – тиру шуд
7. ИЛ – бо парру пайкон
8. хондаш

www.sattor.com

Надиду набинад касе дар[1] ҷаҳон
Чу ту шоҳ[2] бар тахти шоҳаншаҳон.

Чу бо тири бепар ту шер афканӣ,
Пайи кӯҳи хоро зи бун барканӣ».

Бад-он марғзор-андарун ронд шоҳ,
Зи лашкар ҳар он кас, ки буд некхоҳ,

Яке беша диданд[3] пургӯспанд,
Шубонон[4] гурезон зи бими газанд

Яке саршумар дид Баҳромро,
Надидӣ[5] зи бими дад оромро.

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Ин гӯспанд,
Кӣ дорад бад-ин ҷои носудманд?»

Бад-ӯ саршубон гуфт, к-«Эй номдор,
Зи гетӣ ман оям бад-ин марғзор.

Ҳам ин гӯспандони гавҳарфурӯш
Ба дашт[6] андаровардам аз кӯҳ дӯш.

Тавонгар худованди ин гӯспанд
Напечад ҳаме аз ниҳеби газанд.

Ба харвор бо номвар гавҳар аст,
Ҳамон зарру сим асту ҳам зевар аст.

Надорад ба ҷуз духтаре[7] чангзан,
Сари ҷаъду[8] зулфаш шикан бар[9] шикан.

Нагирад[10] ҷуз аз дасти духтар набид,
Касе мардуми пир аз он[11] сон надид.

1. ИЛ – кас андар
2. Л – низ
3. Л – бешае дид
4. Л – Шитобон
5. Л – Набудаш
6. Л - шеб
7. Л - ҷуз аз духтари
8. И – ҷаъди
9. Л – саросар
10. Л – Нахоҳад
11. Л – духтари пир аз ин

www.sattor.com

Агар нестӣ доди Баҳромшоҳ,
Мар ӯро куҷо мондӣ ин[1] дастгоҳ?

Шаҳаншоҳи гетӣ накӯшад ба зар,
Ҳамон мӯбад аст, нест бедодгар,[2]

Нагӯӣ маро, к-ин дадонро, кӣ кушт,
Ки ӯро Худои ҷаҳон бод пушт».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Ин ҳар ду шер
Табаҳ шуд зи пайкони марди далер.

Чу шерони ҷангӣ бикушт, ӯ бирафт,
Саворе сарафроз бо ёр ҳафт.

Куҷо бошад айвони гавҳарфурӯш,
Падидор кун роҳ, бар мо мапӯш».

Бад – ӯ саршубон гуфт: «Аз эдар бирав,
Деҳе[3] тоза пеш андарояд-т нав.

Ба шаҳрояд овози он[4] ҷойгоҳ,
Ба наздикии кохи Баҳромшоҳ.

Чу гардун[5] бипӯшад ҳарири сиёҳ,
Ба ҷашн ояд ин марди бодастгоҳ.

Гар эдун, ки бошад – т лахте диранг,
Ба гӯш оядат нӯшу овои ҷанг».

Чу бишнид Баҳром, болой хост,
Яке ҷомаи хусраворой хост.

Ҷудо шуд зи дастуру аз лашкараш,
Ҳамоно пур аз орзу шуд сараш.

Чунин гуфт бо меҳтарон Рӯзбеҳ,
Ки «Акнун шавад шоҳи Эрон ба деҳ,

1. Л – монад.
2. ТПМ – Пас он гаҳ шубон гӯяд: «Эй номдор,
Далеру хирадманду гурду савор».
3. Л – Раҳе
4. Л – андарун дорад ӯ; И – овоз аз он
5. Л – гетӣ

www.sattor.com

Бикӯбад дари хони гавҳарфурӯш,
Ҳама сӯи гуфтор доред гӯш[1].

Бихоҳад, мар он духтро аз падар,
Ниҳад бегумон бар сараш тоҷи зар.

В – аз он ҷо ба мушкуи заррин барад,
Дигар дар шабистони Барзин барад.

Наёбад ҳаме серӣ аз хуфту хез,
Шаби тира з – ӯ ҷуфт гирад гурез.

Шабистон мар ӯро фузун аз сад аст,
Шаҳаншоҳ аз ин гуна бошад, бад аст.

Кунун нӯҳсаду сӣ тан аз духтарон,
Ҳама бар сарон афсарони гарон,

Шумурдаст ходим дар айвони[2] шоҳ,
К – аз эшон яке нест бедастгоҳ.

Ҳаме бож хоҳад зи ҳар марзу бум,
Ба як маҳ парешон бувад[3] божи Рум.

Дареғ ин [4] бару кифту болои ӯй,
Дареғ ин[5] рухи маҷлисорои ӯй.

Набинад чун ӯ кас ба болову зӯр,
Ба як тир барҳам бидӯзад ду гӯр.

Табаҳ гардад аз хуфтухези занон,
Ба зудӣ шавад суст чун бадтанон,[6]

Кунад дида торику рухсора[7] зард,
Ба тан суст гардад, ба рух ложвард.

Зи бӯи занон мӯй гардад сапед,
Сапедӣ кунад, з – ин ҷаҳон ноумед.

1. Л – б. 924 нест.
2. - ба мушкуи
3. Л – Ба соле бар эшон шавад
4. Л – он
5. Л – он
6. Л - бетанон.
7. Л – рухсор

www.sattor.com

Ҷавонро[1] шавад кӯж болои рост,
Зи кори занон чанд гуна балост.

Ба як моҳ, як бор аз омехтан,
Гар афзун кунӣ, хун бувад рехтан.

Ҳамин моя аз баҳри фарзандро,
Бибояд ҷавони хирадмандро.

Чу афзун кунӣ, коҳиш афзун бувад,
Зи сустӣ тани мард бехун[2] бувад».

Бирафтанд гӯён ба[3] айвони шоҳ,
Чу хуршед бар чарх[4] гум кард роҳ.

Шаби тирагун рафт Баҳроми Гӯр,
Парастанда як тан зи баҳри сутур.

Бишуд шоҳ то хони гавҳарфурӯш,
Чу овози чанг андаромад ба гӯш.

Ҳаме тохт гулгун бар овози[5] чанг,
Сӯи хони бозоргон бедиранг.

Бизад ҳалқаро бар дару бор хост,
Худованди хуршедро ёр хост.

«Парастандаи меҳрубон - гуфт, - кист,
Задан дар шаби тира аз баҳри чист?»

Чунин дод посух, ки «Шабгир шоҳ
Биёмад сӯи[6] дашти нахчиргоҳ.

Билангид дар зери ман борагӣ,
Аз ӯ бозмондам ба якборагӣ.[7]

Чунин аспу зарринситомам ба кӯй,
Бидуздад касе, ман шавам чораҷӯй».

1. Л – Чу чавгон
2. Л – бистар дили мард пурхун: И – коҳиш дили мард пурхун.
3. Л – гирён бар
4. Яке гуфт: «Хуршед
5. ИЛ – овои
6. И – Ҳаме омад аз
7. Л – бозгаштам ба бечорагӣ; И – бечорагӣ.

www.sattor.com

Биёмад канизак, ба деҳқон бигуфт,[1]
Ки «Марде ҳаме хоҳад аз мо нуҳуфт.

Ҳаме гӯяд аспам ба зарринситом,
Бидузданд аз эдар шавад кор хом».

Чунин дод посух, ки «Бикшой дар
Ту меҳмон надидастӣ, эдар магар?»

Канизак давон рафту букшод дар,
Ба Баҳром гуфт: «Андарой,эй писар[2]»

Чу шоҳ андаромад, чунон ҷой дид,
Парастанда ҳар ҷой бар пой дид.

Чунин гуфт, к - «Эй[3] додгар як Худой,
Ба хубӣ туӣ бандаро раҳнамой.

Мабодо ба ҷуз дод оини ман,
Мабод озу гарданкашӣ дини ман.

Ҳама кору кирдори ман дод бод,
Дили зердастон ба мо шод бод.

Гар афзун шавад донишу доди ман,
Пас аз марг равшан шавад[4] ёди ман,

Ҳама зердастон чу[5] гавҳарфурӯш,
Бимонанд бо нолаи[6] чангу нӯш».

Шаҳаншаҳ[7] ба болои айвон расид,
Зи дар духтари номварро[8] бидид.[9]

Чу деҳқон варо дид, бар пой хост,
Биёмад, хам овард болои рост.

1. Л – бигуфт.
2. И – б. 952, 953 нест.
3. Л – Аё
4. Л – бувад
5. Л – зердастони
6. Л – нолаву
7. Л – Чу омад
8. Л – мизбонро
9. И – б. 955 – 960 нест.

www.sattor.com

Бад – ӯ[1] гуфт: «Шаб бар ту фархунда бод,
Дили бадсиголони ту[2] канда[3] бод».

Ниҳолӣ бияфканд, болиш[4] ниҳод,
Зи дидори ӯ мизбон гашт шод.

Гаронмоя хоне биёвард зуд,[5]
Ниҳода бар ӯ хӯрданӣ, ҳар чӣ буд.[6]

965 Биёмад яке марди меҳтарпараст,
Бифармуд, то аспи ӯро бубаст.

Парастандаро низ хон сохтанд,[7]
Яке ҷойи дигар бипардохтанд.[8]

Ҳамон мизбонро яке зергоҳ
Ниҳоданду биншаст наздики шоҳ.

Ба пӯзиш биёрост лаб[9] мизбон,
Ба Баҳром гуфт: «Эй гави меҳрбон,[10]

Туӣ мизбон андар ин кохи ман,
Биёмез бо ройи густохи ман.

970 Чу нон хӯрда шуд, ҷом бояд гирифт,
Ба хоби хуш ором бояд гирифт.

Чу шаб[11] тираву бодаи хусравӣ,
Чу гаштӣ зи май маст,[12] пас бишнавӣ.

Чу аз хоб бедор гардӣ пагоҳ,
Ҳаме тохт бояд ба[13] оини шоҳ».

1. И – варо
2. И – Сари бадсиголат зи тан
3. Л – Ҳама бадсиголон туро банда
4. Л – бияфканду маснад
5. И – баровард мард,
6. И – Бар ӯ хӯрданиҳо зи гарму зи сард.
7. И – хостанд,
8. И – хешаш биёростанд.
9. Л – бас
10. Л – марзбон,
11. Л – Шаби
12. Л – сер,
13. Л – Ба май тохт бояд бар

www.sattor.com

Бад – ӯ гуфт Баҳром: «Тирашабон
Кӣ ёбад чунин тозарух[1] мизбон?

Ба яздон набояд шудан[2] носипос,
Дили носипосон бувад пурҳарос.

Канизак бибурд оби дастону ташт,
Зи бедормеҳмон[3] ҳаме хира гашт.

Чу шуд даст шуста, маю ҷом хост.
Ба май ромишу кому[4] ором хост.

Канизак биёвард ҷоми[5] набид,
Майи сурху ҷом аз гулу[6] шанбалид.

Биёзид[7] деҳқон ба ҷом аз нахуст,
Бихӯрду ба мушку гулобаш бишуст.

Ба Баҳром дод он дилором ҷом,
Бад – ӯ гуфт: «Майхораро чист ном?

Ҳамакнун бад – ин бо ту паймон кунам,
Ба Баҳромшоҳат гаравгон кунам».

Фаровон бихандид аз ӯ шаҳрёр,
Бад – ӯ гуфт: «Номам Гушаспи савор.

Ман эдар ба овози чанг омадам,
На аз баҳри ҷому диранг омадам».

Бад – ӯ мизбон гуфт, к-«Ин духтарам
Ҳаме б – осмон андарорад сарам.

Ҳам ӯ майгусору ҳам ӯ чангзан,
Ҳам ӯ чомагӯй асту андуҳшикан.

Диломро Орзу ном буд,
Ҳама ғамгусору дилором буд.

1. Л – Биёбӣ чу тоза рухи
2. Л – будан
3. Л – дидори Баҳром
4. Л – Маю ромишу ному
5. Л – Биёвард ҷоме канизак
6. Л – сурхфом аз гули
7. Л – Биёзист

www.sattor.com

Ба сарви саҳӣ гуфт: «Бардор чанг,
Ба пеши Гушасп ой бо бӯю ранг».

Биёмад бари подшо чангзан
Хиромон ба сони Суҳайли Яман.

Ба Баҳром гуфт: «Эй гузида савор,
Ба ҳар чиз монандаи шаҳрёр,

Чунон дон, ки ин хонаи сури туст,
Падар мизбон асту ганҷури туст.

Шабони сияҳ бар ту фархунда бод,
Сарат бартар аз абри боранда бод».

Бад – ӯ гуфт: «Биншину бардор чанг,
Яке чома бояд маро бедиранг.

Шавад Моҳёр андар ин шаб[1] ҷавон,
Гаравгон кунад пеши меҳмон равон».

Зани чангзан чанг бар бар гирифт,
Нахустин хурӯши муғон даргирифт.

Чу руди бирешим сухангӯй гашт,
Ҳама хона аз вай суманбӯй гашт.[2]

Дигар чомаи боби худ Моҳёр,
Чу сарви саҳӣ бар лаби ҷӯйбор.

Чу кофур гирди гули сурх мӯй,
Забон гармгӯю дил озармҷӯй.

«Ҳамеша бадандешат озурда бод,
Ба дониш равони ту парварда бод.

Ту, эй чун Фаридуни озодахӯй,
Манам чун парастору ном Орзуй.

1. Л – имшаб эдар
2. Л – б. 994 нест.

www.sattor.com

Зи меҳмон чунон шод гаштӣ,[1] ки шоҳ
Ба ҷанг-андарун чира[2] бинад сипоҳ».

Чу ин гуфта шуд, сӯи меҳмон гузашт,
Або чомаву чанги нолон гузашт.

Ба меҳмон чунин гуфт, к-«Эй шоҳфаш,[3]
Баландахтару якдилу кинакаш,[4]

Касе к-ӯ надидаст Баҳромро,
Ситудасавори дилоромро,[5]

Нигаҳ кард бояд ба рӯи ту бас,
Ҷуз ӯро намонӣ зи лашкар ба кас.

Миёнат чу ғарв асту боло чу сарв,
Хиромон шуда сарв ҳамчун тазарв.

Ба дил наррашерӣ, ба тан жандапил,
Ба овард хишт афканӣ[6] бар ду мил.

Рухонат ба гулнор монад дуруст,
Ту гӯӣ ҳаме бар гулу лола руст.[7]

Ду бозу ба кирдори рони ҳаюн,
Зи пой андарорӣ куҳи Бесутун.[8]

Тани[9] Орзу хоки пойи ту бод,
Ҳама зиндагонӣ[10] барои ту бод!»

Ҷаҳонро аз он чомаву чанги ӯй,
Зи дидору болову фарҳанги ӯй

---

1. Л – гаштам
2. Л – хира
3. Л – шоҳи ман,
4. Л – моҳи ман.
5. И – б. 981 – 1002 нест.
6. Л – аспафканӣ
7. Л – ба май барги гулнор шуст; И – Чӣ гӯйӣ ба май барги гулро бишуст?
8. ТПЗИЛ – Ба ранҷ офаринад фалак чун ту мард,
Надидам ба сони ту андар* набард.
* И – Набинад ба сони ту кас дар
9. И – Ба тан
10. Л – Ҳама сол зинда

www.sattor.com

Бар ӯ – бар бар он гуна буд[1] мубтадо,
Ки гуфтӣ, дилаш гашт ганҷи бало.[2]

Чу дар пеши ӯ маст шуд Моҳёр,
Чунин гуфт бо мизбон шаҳрёр,

Ки «Духтар ба ман деҳ ба оини[3] дин,
Чу хоҳӣ, ки ёбӣ ба дод[4] офарин».

Чунин гуфт бо Орзу Моҳёр,
К-«Аз ин шердил чанд хоҳӣ нисор?

Нигаҳ кун бад-ӯ, то писанд оядат,
Бари ӯ шавӣ, судманд оядат».

Чунин гуфт бо Моҳёр Орзуй,
Ки «Эй боби[5] озодаи неккӯй,

Маро гар ҳаме дод хоҳӣ ба кас,
Ҳамолам Гушаспи савор асту бас.

Кӣ бошад, ки бинад бар ин гуна мард,
Нагӯяд[6] ба Баҳром, к-аз роҳи бард».

Ба гуфтори духтар басанда накард,
Ба Баҳром гуфт-«Эй[7] савори набард,

Ба жарфӣ нигаҳ кун саропойи ӯй,[8]
Ҳамон кӯшишу донишу ройи ӯй.[9]

Нигаҳ кун ба дил,[10] то писанди ту ҳаст,
Аз ӯ огаҳӣ беҳтар аст аз нишаст.[11]

1. Л – бад-он гуна шуд
2. И – б. 1009, 1010 нест.
3. И – маро деҳ ба оину; Л – оину
4. И – Ки ёбӣ ба ҳар кас бар ӯ
5. ИЛ – пири
6. Л – Бигӯяд
7. ИЛ – гуфт: «Эй,
8. ИЛ – ӯ,
9. ИЛ – ӯ.
10. И – бубин,
11. И – Сухан гуфтанаш судманди ту ҳаст.

www.sattor.com

Бад-ин некуӣ низ дарвеш нест,
Ба гуфтан маро ройи кам беш нест.[1]

Агар бишмарӣ гавҳари Моҳёр,
Фузун ояд аз бадраи[2] шаҳрёр.

Макун сарсарӣ, имшаб ором гир,
Гар ӯро ҳаме боядат, ҷом гир.

Ба мастӣ бузургон набанданд[3] банд,
Бавижа касе[4] к-ӯ бувад арҷманд.

Бимон, то барорад сипеҳр офтоб,
Сари номдорон барояд зи хоб,

Биёрем пирони донандаро,
Шикебодилу низ[5] хонандаро.

Шаби тира аз расм берун бувад,
На оини шоҳ Офаридун бувад.

На фаррух бувад мастӣ зан хостан,
В-агар[6] низ коре нав оростан».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Ин беҳудаст,
Задан фол дар роҳи довар бад аст.

Писанди ман аст имшаб ин чангзан
Ту ин[7] фоли бад, то тавонӣ, мазан»

Падар гуфт бо духтар: «Эй Орзуй
Гузидӣ, писандӣ ту ӯро ба шӯй?»[8]

Бад-ӯ гуфт: «Оре, писандидамаш,
Ба чашми сар аз дур чун дидамаш.

1. И – б. 1021 нест.
2. И – аст аз лашкари
3. Л – наваштанд
4. Л – зане,
5. И – пири; Л – чиз
6. И – Дигар
7. Л – Туаш
8. Л – Писандӣ ту ӯро ба дидору хӯй?

www.sattor.com

Бикун кору з-он пас ба Яздон супор,
На гардун[1] ба кин аст бо Моҳёр».

Падар гуфт, к-«Акнун ту ҷуфти ваӣ,
Чунон дон, ки андар нуҳуфти ваӣ».

Бад-ӯ доду Баҳроми Гӯраш бихост,
Чу шаб рӯз шуд, корҳо гашт рост.[2]

Парастанда тозонаи шаҳрёр
Биёвехт аз даргаҳи Моҳёр.

Сӯи ҳуҷраи хеш рафт[3] Орзуй,
Саросар ҳама хуфта шуд[4] чорсӯй.

Биёмад ба ҷойи[5] дигар Моҳёр,
Ҳаме сохт кори Гушаспи савор.

Парастандаро гуфт: «Дарҳо бубанд,
Касеро битозон сӯи гӯспанд.

Набояд, ки оранд хон бебара,
Бара низ парварда бояд сара.

Чу бедор гардад, фуқоъу ях ор,
Ҳаме бош пеши Гушаспи савор.[6]

Яке ҷоми кофур бар бо гулоб,
Чунон кун, ки бӯё бувад ҷойи хоб.

Ман аз ҷоми май ҳамчунонам, ки дӯш
Натобад зи май пири гавҳарфурӯш».

Бигуфт ину чодар ба сар баркашид,
Таносониву хобро баргузид.

Чу хуршеди тобанда бинмуд тоҷ,
Замин шуд ба кирдори рахшанда оҷ.

1. И – Яздон
2. И – б. 1034, 1035 нест.
3. И – Бигуфт ӯ, сӯи ҳуҷра шуд
4. И – Саройи ҳама хуфта бар; Л – Саройи ҳама хуфт буд
5. И – кохи
6. И – Ту рав, бош пеши Гушаспи савор,
Чу бедор гардад, фуқоъу ях ор.

www.sattor.com

Биёмад сипардору жӯпинкашон,
Биҷустанд аз он тозиёна нишон.

Сипоҳ анҷуман шуд ба даргоҳ-бар,
Чунон ҳам куҷо бар дари шоҳ-бар.

Ҳар он кас, ки тозона донист боз,
Бирафтанду бурданд пешаш намоз.

Чу дарбон бидид он сипоҳи гарон,
Сипардори бисёру жӯпинварон,[1]

Биёмад, сари хуфта бедор кард,
Ҳамон аз майи ноб ҳушёр[2] кард.

Бад-ӯ гуфт: «Бархезу букшой даст,
На ҳангоми хоб асту ҷойи нишаст,

Ки шоҳи ҷаҳон аст меҳмони ту,
Бад-ин бенаво меҳану мони ту.

Якояк дили марди гавҳарфурӯш
Зи гуфтори дарбон даромад[3] ба ҷӯш.

Бад-ӯ гуфт, к-«Ин аз чӣ гӯӣ ҳаме,
Пайи шаҳрёр аз[4] чӣ ҷӯӣ ҳаме?

Ҳамон чун зи гӯянда бишнид маст[5]
Хурӯшон аз он чома бар пой ҷаст.[6]

Зи[7] дарбон барошуфту гуфт ин сухан
Нагӯяд хирадмандмарди[8] куҳан.

Парастанда гуфт: «Эй ҷаҳондида[9] мард,
Туро бар замин шоҳи Эрон кӣ кард?

1. И – найзаварон,
2. Л – пайи хоб пайкор
3. ИЛ – баромад
4. И – шаҳриёре
5. Л – рост,
6. Л – хост.
7. И – Ба
8. И – ҷаҳондида марди
9. И – парастор

www.sattor.com

Сипоҳ аст чандон ба даргоҳи ту,
Ки гар бугзарӣ, танг шуд роҳи ту.

Ҳар он кас, ки ояд ба даргаҳ фароз,
Баранд он палоси куҳанро намоз.

Биёмад парастанда ҳангоми рӯз,
Ки пайдо набуд нури гетифурӯз.

Яке тозиёна ба зар тофта,
Ба ҳар ҷой гавҳар бар ӯ бофта.

Биёвехт аз пеши даргоҳи мо,
Бар он сӯ, ки бошад гузаргоҳи мо.[1]

Кунун кор барсозу сустӣ макун,
Зи май низ нотандурустӣ макун».

Зи дарбон чу бишнид яксар сухан,
Бупечид бедормарди куҳан,

Ки «Ман дӯш пеши шаҳаншоҳ маст
Чаро гаштаму духтарам майпараст».

Биёмад сӯи ҳуҷраи Орзуй,[2]
Бад-ӯ гуфт: «Эй моҳи озодахӯй,[3]

Шаҳаншоҳ Баҳром буд, он ки дӯш
Биёмад сӯи хони гавҳарфурӯш,

Ҳаме омад аз дашти нахчиргоҳ,
Инон тофтаст аз куҳандиж ба роҳ.

Кунун хезу дебои румӣ бипӯш,
Бинеҳ бар сар афсар чунон чун[4] ки дӯш,

Нисоре бар аз гавҳари шоҳвор,
Се ёқути сурх аз дари шаҳрёр.[5]

---

1. ТПЗИ – Ҷаҳоне бар он тозиёна дароз
Ба гирд омад андар нишебу фароз.
2. Л – Орзу,
3. Л – Аё моҳи озодахӯ,
4. Л – ҳам
5. И – 1069, 1070 нест.

www.sattor.com

Чу бинӣ рухи шоҳи хуршедфаш,
Дутоӣ бирав даст карда ба каш.

Мар ӯро мабин, чашм дар пеш дор,
Варо чун равону тани хеш дор,

Чу пурсад-т, бо вай сухан нарм гӯй,
Суханҳо ба озарму бо шарм гӯй.[1]

Ман акнун наёям, магар хонадам,
Ба ҷойи парастанда биншонадам.

Ба сони ҳамолон нишастам ба хон,
Ки андар танам пора[2] бод устухон.

Ба май низ[3] густох гаштам ба шоҳ,
Ба пиру ҷавон аз май ояд гуноҳ».

Ҳамон гаҳ[4] яке банда омад давон,
Ки бедор шуд шоҳи равшанравон,

Ки бархост аз хоб, шуд[5] тандуруст,
Ба боғ андаромад, сару тан бишуст.

Ниёишкунон пеши хуршед шуд,
Зи Яздон диле[6] пур зи уммед шуд.

В-аз он ҷо биёмад, ба ҷое нишаст,
Яке ҷоми май хост аз майпараст,

Чу аз кеҳтарон огаҳӣ ёфт шоҳ,
Бифармуд, то бозгардад зи роҳ.[7]

Бифармуд, то пеш рафт Орзуй[8]
Ҳаме будаш аз Орзу орзӯй[9]

1. И – б. 1073 нест.
2. Л – хурд
3. И – Аз он гуна
4. Л – дам
5. Л – Чу бедор гашт эмину; И – Чу бархост аз хоб шаҳ
6. И – дилаш
7. И – сипоҳ.
8. Л – Орзу,
9. Л – Орзу.

www.sattor.com

Бирафт Орзу бо маю бо нисор,
Парастор бо тоҷу[1] бо гӯшвор.

Дутоӣ шуду бар замин бӯса[2] дод,
Бихандид аз ӯ шоҳу дил гашт шод.

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Ин куҷо доштӣ,
Маро маст кардиву бугзоштӣ?

Ҳамон чомаву чанг моро бас аст,
Нисори занон баҳри дигар кас аст.

Биёр, он чи гуфтӣ зи нахчиргоҳ,
Зи захми сари найзаву разми[3] шоҳ».[4]

В-аз он пас бигуфто, ки гавҳарфурӯш[5]
Куҷо шуд, ки мо маст гаштем дӯш?»

Чу бишнид духтар, падарро бихонд,
Ҳаме аз дили шоҳ хира бимонд.

Биёмад падар даст карда ба каш,
Ба пеши шаҳаншоҳи хуршедфаш.

Бад-ӯ гуфт: «Шоҳо, радо, бихрадо,[6]
Бузурго, сутурго, гаво, мӯбадо![7]

Ҳамасола гетӣ ба коми ту бод,
Ба ҳар ҷой бар тоҷ номи ту бод!

Касе ки[8] хӯрад доруи беҳушӣ,
Набояд гузидан ҷуз аз хомушӣ.

Зи нодонӣ омад гунаҳгориам,
Гумонам,[9] ки девона пиндориам.

1. И – чангу
2. И – бӯс
3. И – теғи
4. Л – б. 1087 нест.
5. ИЛ – бад-ӯ гуфт: «Гавҳарфурӯш
6. И – яло, мӯбадо.
7. И – бихрадо!
8. Л – к-ӯ
9. И – Бар онам

www.sattor.com

Сазад гар, ки бахшӣ[1] гуноҳи маро,
Дурахшон кунӣ рӯи моҳи[2] маро.

Манам бар дарат бандаи[3] бехирад,
Шаҳаншоҳам[4] аз мардумон машмарад».

Чунин дод посух, ки «Аз[5] марди маст
Хирадманд чизе нагирад ба даст.

Касеро ки май андуҳ[6] орад ба рӯй,
Набояд, ки бинад[7] зи май рангу бӯй.

Ба мастӣ надидам зи ту бадхувӣ,
Ҳамон[8] з-Орзу ин сухан[9] бишнавӣ.

Ту пӯзиш бад-он кун, ки то чангзан
Бигӯяд ҳамон[10] лола андар суман.

Бигӯяд ҳаме[11] то[12] бад-он май хӯрем,
Ғами[13] рӯзи ноомада нашмарем».

Замин бӯса дод он замон хушёр,[14]
Биёвард[15] хону баророст[16] кор.

Бузургон, ки буданд бар дарсарой,
Биёвардшон марди покизарой.

Сӯи ҳуҷраи[17] хеш рафт Орзуй,
Зи меҳмони бегона пурчин[18] бурӯй.

1. ИЛ – бубахшӣ
2. ИЛ – тирамоҳи
3. И – бандаву
4. И – Шаҳаншоҳ
5. И – Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-аз
6. И – андар
7. И – гирад
8. Л – Ҳаме
9. И – Магар ин сухан з-Орзу
10. И – Ҳаме.
11. Л – яке
12. И – Занад чангро ӯ
13. ИЛ – Пайи
14. ИЛ – Моҳёр
15. И – Биёрост
16. Л – биёрост
17. И – хонаи
18. И – чин дар

www.sattor.com

Ҳаме буд то чарх пӯшад сиёҳ,
Ситора падид омад аз гирди моҳ.

Чу нон хӯрда буд,[1] Орзуро бихонд,
Ба курсии зарпайкараш барнишонд.[2]

Бифармуд, то чанг бардошт моҳ,
Бар он чома, к-аз пеш фармуд шоҳ.

Чунин гуфт, к-«Эй шаҳрёри далер,
Ки бугзорад аз номи ту беша шер,

Туӣ шоҳи пирӯзи лашкаршикан,
Туро рӯй чун лола андар суман.

Ба болои ту бар замин шоҳ нест,
Ба дидори ту бар фалак[3] моҳ нест.

Сипоҳе ки бинад кулоҳи[4] туро,
Ба чанг-андар овардгоҳи туро,

Бидаррад дилу мағзашон аз ниҳеб,
Баландӣ надонанд боз аз нишеб.

Ҳамон гаҳ чу аз бода хуррам шуданд,
Зи хӯрдан ба чоме дамодам шуданд,

Биёмад бари подшо Рӯзбеҳ,
Гузиданд чое мар ӯро ба деҳ.[5]

Иморӣ биёварду ходим чиҳил,
Ҳама моҳрӯву ҳама дилгусил.[6]

Рухи румиён ҳамчу дебои Рум,
Аз эшон ҳама[7] тоза шуд марзу бум.

1. Л – шуд; И – шаб тира шуд,
2. И – Зи гурдон касе пеши Хусрав намонд.
3. Л – б-осмон
4. Л – сипоҳи
5. Л – Кушодадилу шод аз айвони меҳ.
6. Л – Б. 1115 нест.
7. Л – Ҳаме

www.sattor.com

Бишуд Орзу то ба мушкуи шоҳ,[1]
Зи гавҳар ба сар барниҳода[2] кулоҳ.

ДОСТОНИ БАҲРОМИ ГӮР БО ФАРШЕДВАРДИ КАДЕВАР ВА МАРДИ ХОРКАН

Биёмад шаҳаншоҳ бо Рӯзбеҳ
Кушодадилу шод аз айвони меҳ.

Ҳаме ронд гӯён ба мушкуи хеш,
Ба сӯи бутони суманбӯи хеш.*[3]

Бихуфт он шабу бомдоди пагоҳ
Биёмад сӯи дашти нахчиргоҳ.

Ҳама роҳу бероҳ лашкар гузашт,
Чунон шуд, ки як моҳ монад ба[4] дашт.

Саропардаву хаймаҳо сохтанд,
Зи нахчир даште бипардохтанд.

Касеро наёмад бар он дашт хоб,
Маю гӯшти нахчиру чангу[5] рубоб.

Биёбон ҳама оташ афрӯхтанд,
Тару[6] хушк ҳезум ҳаме сӯхтанд.

Бирафтанд бисёр мардум зи шаҳр,
Касе[7] к-аш зи динор боист баҳр.

Ҳаме буд чанде хариду фурӯхт,
Биёбон зи лашкар ҳаме барфурӯхт.

Харидӣ ҳаме марди бозоргон,
Даҳ оҳуву гӯре баҳо чоргон.[8]

1. И – Бирафт Орзу сӯи Баҳромшоҳ,
2. И – Ниҳода ба сар-бар зи гавҳар
3. Т – ин байт нест.
4. Л – н-омад зи
5. И – бонги
6. Л – Бар ӯ
7. Ҳар он
8. Л – ба диноргон.

www.sattor.com

Зи нахчири дашту зи мурғони об
Ҳаме ёфт хоҳанда чандон кабоб,

Ки бурдӣ ба харвор то[1] хони хеш
Бари хурдфарзанду[2] меҳмони хеш.

Чу моҳе баромад, шитоб омадаш,
Ҳаме бо занон[3] ройи хоб омадаш.

Биёвард лашкар зи нахчиргоҳ,
Зи гарди саворон надиданд роҳ.

Ҳаме рафт[4] лашкар ба кирдори гард,
Ҳаме[5] то рухи рӯз шуд ложвард.

Яке шорсон пешаш-андар ба роҳ,
Пур аз барзану кӯю бозоргоҳ.

Бифармуд, то лашкараш бо буна
Гузорад, намонад касе яктана.

Бипурсид, то меҳтари деҳ куҷост,
Сар андаркашиду ҳаме рафт рост.[6]

Шикаста даре дид, паҳну дароз,
Биёмад худованд,[7] бурдаш намоз.

Бипурсид, к-«Ин ҷойи[8] вайрон кирост?
Миёни деҳ ин ҷойи[9] вайрон чарост?»

Худованд гуфт:[10] «Ин сарои ман аст,
Ҳамин[11] бахти бад раҳнамои ман аст.

---

1. Л – бо
2. Л – кӯдаки хурду
3. И – бутон
4. И – ҳамеронд
5. И – Чунин
6. Л – б. 1130 – 1134 нест.
7. Л – худованду
8. И – Бад – ӯ гуфт: «Ин деҳи
9. И – хона
10. И – Бад – ӯ гуфт мард:
11. И – Чунин

www.sattor.com

На гов[1] астам эдар, на пӯшиш, на хар,[2]
На дониш, на мардӣ на пову на пар.[3]

Маро дидӣ, акнун сароям бубин,
Бар ин хона нафрин беҳ аз офарин».

1140 Зи асп андаромад, бидид он сарой,
Ҷаҳонҷӯйиро суст шуд дасту пой.[4]

Ҳама хона саргин буд аз гӯсфанд,
Яке тоқ бар пою гоҳе[5] баланд.

Бад - ӯ[6] гуфт: «Чизе зи баҳри нишаст
Фароз овар, эй марди меҳмонпараст».

Чунин дод посух, ки «Бар мизбон
Ба хира чаро хандӣ, эй марзбон?

Гар афканданӣ ҳеҷ будӣ маро,
Магар марди меҳмон ситудӣ маро?

1145 На афканданӣ ҳасту на хӯрданӣ,
На пӯшиданиву на густурданӣ,

Ба ҷойи дигар хона ҷӯӣ, сазост,
Ки эдар ҳама корҳо бенавост».

Варо гуфт: «Болиш нигаҳ кун яке,
Ки то барнишинам бар ӯ андаке».

Бад – ӯ [7] гуфт, к – эдар на ҷойи лаҳуст,[8]
Ҳамоно туро шири мурғ орзуст.

Бад – ӯ гуфт, меҳмон, ки «Шир ор гарм,
Ҳамон чун биёбӣ яке нони нарм».

1. Л – гоҳ
2. Л – х (в) ар,
3. Л – сар.
4. И – б. 1139, 1140 нест.
5. Л – пой ҷоеву
6. И – Варо
7. Л – Варо
8. Л – накӯст,

www.sattor.com

Чунин дод посух, ки «Эдун гумон,
Ки хӯрдиву рафтӣ, бизӣ[1] шодмон.

Агар нон будӣ, дар танам ҷон будӣ,
Агарчанд ҷонам беҳ аз нон будӣ».

Бад – ӯ гуфт: «Агар нестат гӯспанд,
Кӣ омад, ба хони ту саргин фиканд?»

Чунин дод посух, ки «Шаб тира гашт,
Саросар зи гуфтори ту хира гашт.

Яке хона бугзин, ки дорад палос,
Худованди он хона дорад сипос.

Чӣ бошӣ ба наздикии[2] шӯрбахт,
Ки бистар кунад шаб[3] зи барги дарахт.

Зи зар теғ дориву заррин[4] рикеб,
Набояд, ки ояд зи дуздат ниҳеб.

Чу хона бад – ин гуна вайрон бувад,
Гузаргоҳи дуздону шерон бувад.

Бад – ӯ гуфт: «Агар[5] дузд шамшери ман
Бибурдӣ, кунун[6] нестӣ зери ман.

Ту имшаб маро ҷой деҳ дар сарой,
Ба чизи дигар низ н – орем рой».[7]

Кадевар бад – ӯ гуфт: «Аз ин дар маранҷ,
Ки дар хони мо кас наёбад[8] сипанҷ».

1. Л – бирав
*М – Маро сар
2. И – наздики он
3. Л – ӯ
4. И – дорӣ ба зевар
5. И – гар
6. И – магар
7. ИЛ – б. 1159 нест.
8. Л – наёяд

www.sattor.com

Бад – ӯ гуфт шоҳ:[1] «Эй хирадманди пир,
Чӣ бошӣ ҳаме пеши ман[2] хир – хир?!

Чунон чун гумони ман аст оби[3] сард,
Бубахшой[4] бар ман, ту эй[5] родмард».

Кадевар бад – ӯ гуфт, к – «Ин обгир
Надидӣ фузун аз ду партоб тир.

Бихӯр, чанд хоҳиву бардор низ,
Чӣ ҷӯӣ бад – ин бенавохона чиз?

Ҳамоно надидӣ ту дарвеш мард,
Зи пирӣ фурӯ монда аз коркард».

Чунин дод посух, ки «Гар меҳтарӣ,
Ба обе[6] макун ҷанг бо лашкарӣ».

«Чӣ номӣ бад – ӯ, – гуфт Фаршедвард, -
На буму на пӯшиш, на обу на х(в)ард?»

Бад – ӯ гуфт Баҳром: «Бо коми хеш
Чаро нон наҷӯиву ороми хеш?»

Кадевар бад – ӯ гуфт: «Парвардгор
Сар орад магар бар ман ин рӯзгор.

Бубинам магар бе ту айвони хеш,
Ситоиш кунам пеши Яздони хеш.[7]

Чаро омадӣ дар сарои тиҳӣ,
Ки ҳаргиз мабодат меҳиву беҳӣ».

Бигуфт ину бигрист чандон ба зор,
Ки бигрехт з – овози ӯ шаҳрёр.

1. И – Бахром, к – эй
2. И – бари ман чунин
3. Л – гумонам ҳаме з – оби
4. Л – Бубахшой
5. Л – аё
6. Л – Дар ин деҳ
7. И – б. 1169, 1170 нест.

www.sattor.com

Бихандид аз он пиру омад[1] ба роҳ,
Дамодам биёмад паси ӯ сипоҳ.[2]

БОЗ НАМУДАНИ ХОРКАН ҲОЛИ КАДЕВАРИ ФАРШЕДВАРД ВА БАХШИДАНИ БАҲРОМ МОЛИ Ӯ БА АРЗОНИЁН

Чу берун шуд аз номвар шорсон,
Ба пеш андаромад яке хорсон.

Табар дошт марде, ҳаме канд хор,
Зи лашкар бишуд пеши ӯ шаҳрёр.

Бад-ӯ гуфт: «Меҳтар, бад-ин шорсон,
Киро донӣ, эй душмани хорсон?»[3]

Чунин дод посух, ки «Фаршедвард,
Яке озвармарди бехобу х(в)ард.

Ҳаме[4] гӯспандаш бувад сад ҳазор,
Ва ҳам уштуру[5] асп[6] ҳам з-ин шумор.

Замин пур зи оганда динори ӯст.
Ки на мағз бодаш ба тан-дар[7], на пӯст.

Шикам гурсуна, колбад барҳана
На фарзанду хешу на ёру буна.[8]

Агар киштмандаш фурӯшад ба зар,
Яке хона бумаш шавад[9] пургуҳар.

Шубонаш ҳама гӯшт ҷӯшад ба шир,
Худ ӯ нони арзан хӯрад бо панир.[10]

1. И – чанде баромад
2. Л – б. 1173 нест.
3. ИЛ – б. 1175, 1176 нест.
4. ИЛ – Магар
5. Л – Ҳамон уштуру
6. И – Ҳамон уштуру гов.
7. Л – бар
8. ТПЗ – Гирифтор дар дасти озу ниёз,
   Тан аз ночаридан ба ранҷу гудоз.
9. Л – кунад
10. И – б. 1181, 1182 нест.

www.sattor.com

Ду ҷома надидаст[1] ҳаргиз ба ҳам,
Аз ӯяст ҳам бар тани ӯ ситам».

Чунин гуфт бо хоркаш[2] шаҳрёр,
Ки «Аз гӯспандаш бидонӣ[3] шумор?

Бидонӣ,[4] куҷо бошад ӯро гала,
Ҳамон[5] асп бо уштурони яла?»

Бад-ӯ хоркан[6]гуфт, к- «Эй марди роҳ,
Басе нест з ин ҷо бад-он ҷойгоҳ.[7]

Куҷо уштуру гӯспанди вай аст,
Дилам пур зи дард аз[8] газанди вай аст».[9]

Бад-ин хоркан[10] дод динор чанд,
Бад-ӯ гуфт, к-«Акнун[11] шавӣ[12] арҷманд».

Бифармуд, то аз миёни сипоҳ
Биёмад яке марди доно ба[13] роҳ.

Куҷо номи он мард Беҳрӯз буд,
Савору далеру дилафрӯз буд.

Фиристод бо номвар сад савор,
Гузин кард шоиста мардони кор.

Дабире нигаҳ кард парҳезкор,
Бад-он сон, ки донист кардан шумор.[14]

---

1. Л – напӯшид
2. ИЛ – хорзан
3. ИЛ – надонӣ
4. И – Надонӣ
5. И – Ҳама
6. И – хорзан
7. Л – Чунин гуфт, к – эй ромдида савор,
Аз он хоста кас надонад шумор.
8. И – дарду
9. Л – б. 1187 нест.
10. ИЛ – хорзан
11. Л – гуфт: «Акнун
12. И – гуфт: «Акнун шудӣ
13. И – донанда
14. Л – б. 1192 нест.

www.sattor.com

Бад-ин хоркан[1] гуфт: «Аз эдар бирав,
Ҳаме хор ҷустӣ,[2] кунун зар дарав.

Аз ӯ хоста садяке мар турост,
Бад-ин мардумон рой[3] бинмой рост».

Дилафрӯз буд номи ин хоркан,[4]
Гурозанда[5] марде ба нерӯи тан.

Гаронмоя аспе бад-ӯ доду гуфт,
Ки «Бо бод бояд, ки гардӣ ту ҷуфт».

Дилафрӯз буд, гетиафрӯз шуд,
Чу омад бад-он кор[6], пирӯз шуд.[7]

Биёвард лашкар ба кӯҳу ба дашт,
Ҳаме гӯспанд аз адад баргузашт.

Шутур буд бар дашт даҳ корвон,
Ба ҳар корвон-бар яке сорвон.

Зи говони варзу зи говони шир
Даҳу ду ҳазораш навишт он дабир.[8]

Ҳамон аспу уштур ду раҳ даҳ ҳазор,
Нависанда бинвишт онро шумор.

Биёбон саросар ҳама канда сум,
Ҳамон равғани гов пур карда хум.[9]

Зи шерозу аз тарф сесад[10] ҳазор
Шутурвор буд андар он кӯҳсор.[11]

---

1. ИЛ – Бад – он хорзан
2. Л – чидӣ: И – кандӣ,
3. Ил – роҳ
4. ИМ – он хорзан; Л – хорзан,
5. Л – қавӣ буд
6. Л – ба даргоҳ,
7. И – б. 1196, 1197 нест.
8. Л – Зи пашму шутурворҳои панир.
9. Л – б. 1201, 1202 нест.
10. Л – Шероз бо шаҳри ӯ сад,
11. Л – равғану ҷавзу нор; И – б. 1201- 1203 нест.

www.sattor.com

Ҳама дашту кӯҳу биёбон куном,
Кас онро ба гетӣ надонист ном.

Яке нома бинвишт Беҳрӯзи ҳур
Ба назди шаҳаншоҳ Баҳроми Гӯр.

Нахуст офарин кард бар Кирдгор,
Ки ӯяст пирӯзу парвардгор.

Дигар офарин бар шаҳаншоҳ кард,
К - аш[1] аз ранҷҳо[2] даст кӯтоҳ кард.

Чунин гуфт, к- «Эй шаҳрёри ҷаҳон,
Зи ту шод яксар кеҳону меҳон.

Аз[3] андоза додат ҳаме бугзарад,
Аз[4] ин хомушӣ ганҷ кайфар барад.

Ҳама кори гетӣ ба андоза беҳ,
Дили шоҳ аз андозаҳо тоза беҳ.[5]

Яке гумшуданом Фаршедвард,
Чи дар базмгоҳу чи андар набард.

Надонист кас номи ӯ дар ҷаҳон
Миёни кеҳону миёни меҳон.

На хусравшиносу на яздоншинос,[6]
Надонист кардан[7] зи чизе сипос.

Чунин хоста густарад дар ҷаҳон,
Тиҳидасту пурғам нишаста ниҳон.

Ба бедод монад ҳаме доди шоҳ,
Манеҳ тезгуфтори[8] ман бар гуноҳ.

1. Л – Ки аз
2. И – Ки аз ганҷҳо
3. Л – К – аз
4. Л – В – аз
5. И – б. 1209,1210 нест.
6. Л – На яздонпарасту на хусравшинос,
7. И – Надонанд кардан зи; Л – ба
8. Л – панду гуфтори; И – панд додан ба

www.sattor.com

Пай афкан яке ганҷ аз ин хоста,
Севум солро гардад ороста.

Дабирони бегонаро хондем,[1]
Бад – ин кӯҳи Албурз[2] биншодем.[3]

Шумораш падидор н-ояд[4] ҳанӯз,
Нависандаро[5] пушт баргашт кӯз.

Чунин гуфт гӯянда, к – «Андар замин
Варо зарру гавҳар фузун аст аз ин.

Бар ин кӯҳсорам ду дида ба роҳ,
Бад – он то чӣ фармоядам[6] пешгоҳ.

Зи ман бод бар шоҳи Эрон дуруд,
Бимон зинда, то номи тор асту пуд».

Ҳаюне барафканд пӯён ба роҳ,
Бад – он то барад нома наздики шоҳ.

Чу он нома бархонд Баҳроми Гӯр,
Ба дил – ш андарафтод аз он нома шӯр.

Дижам гашту дида пур аз об кард,
Бурӯҳои ҷангӣ пур аз тоб кард.

Бифармуд, то пеши ӯ шуд дабир,
Қалам хост румиву[7] чинӣ ҳарир.

Нахуст офарин кард бар кирдгор,
Худованди пирӯзу парвардигор,

Худованди доноиву фарраҳӣ,
Худованди дайҳиму шоҳаншаҳӣ

1. И - донандаро хонд шоҳ,
2. Л – обод
3. И – гуна биншонд бар доду роҳ.
4. ИЛ – н – омад
5. И – Парастандаро
6. Л – фармон диҳам
7. И – мисриву

www.sattor.com

Набиштӣ,[1] ки «Гар додгар будаме,
Ман ин мардро зуд бибсудаме[2].

Наёвард гирд ин зи дуздиву хун,
Набуд ҳам касеро ба бад раҳнамун.

Ҳамон бад, ки он мард буд носипос,
Зи Яздон набудаш ба дил-дар ҳарос.

Яке посбон буд бад- ин хоста,
Дилу ҷон аз афзун шудан коста.

Бар он дашт чи гургу чи гӯспанд,
Чу бошанд бекору носудманд.

Ба зери замин – дар чи гавҳар, чи санг,
К – аз ӯ хӯрду пӯшиш наёяд[3] ба ҷанг.

Насозем аз ин ранҷ бунёд ганҷ,
Набандем дил дар сарои сипанҷ.

Фаридун на пайдост андар ҷаҳон,
Ҳамон Эраҷу Салму Тур аз меҳон.

Ҳамон шоҳ Ковус[4] бо[5] Кайқубод,
Ҷуз ин номдорон, ки дорем[6] ёд,

Падар-м он ки з-ӯ[7] дил пур аз дард буд,
Набуд додгар, ноҷавонмард буд.

Касе з-ин бузургон падидор нест,
Бад-ин бо Худованд[8] пайкор нест.

Ту он хоста гирд кун, ҳарчи ҳаст,
Бубахшу мабар сӯи як мӯй даст.

1. Л – Бигуфт ин ки
2. Л – Ҳамин мардро низ набсудаме.
3. И – Чу н – ояд аз ӯ хӯрду пӯшиш
4. Л – шоҳи пирӯз
5. И – Кайхусраву
6. Бузургон ки дорем, яксар ба; Л – кардем
7. И-к-аз ӯ
8. И-В-аз ин бо ҷаҳондор

www.sattor.com

Касеро, ки пӯшида дорад ниёз,
Ки аз бад ҳаме дер ёбад ҷавоз,

Ҳамон низ пире, ки бекор гашт,
Ба чашми гаронмоягон хор гашт.

Дигар мар киро чиз буду бих(в)ард,
Кунун монд бо дарду бо боди сард.

Касеро, ки вом асту динор нест,
Ба бозоргонӣ касаш ёр нест.

Дигар кӯдаконе, ки бинӣ[1] ятим,
Падар мурдаву нестшон зарру сим.

Заноне, ки бешӯю бепӯшишанд,
Ки коре надонанду бекӯшишанд,

Бар эшон бубахш ин ҳама хоста,
Барафрӯз ҷони[2] равонкоста.

Ту бо он ки рафтӣ сӯи шаҳр боз,
Зи ганҷи ниҳода шавӣ бениёз.

Ниҳонкарда динори Фаршедвард
Бад-он пир мон, то набошад бадард.

Мар ӯро чи динору гавҳар, чи хок,
Ки бояд-ш кардан ҳаме[3] дар мағок.

Сипеҳри гузоранда ёри ту бод,
Ҳама доду парҳез кори ту бод!»

Ниҳоданд бар нома-бар мӯҳри шоҳ,
Фиристода баргашту омад ба роҳ.

1. Л-будӣ
2. Л- ҷону
3. Л- ҳама

www.sattor.com

РАФТАНИ БАҲРОМИ ГӮР БА НАХЧИРГОҲ ВА КУШТАНИ ШЕРОН

Бифармуд, то тахти шоҳаншаҳӣ
Ба боғи Баҳор андарорад раҳӣ.

Ба фармон бибурданд пирӯзатахт,
Ниҳоданд зери гулафшон дарахт.

Маю ҷом бурданд ромишгарон,
Ба полез рафтанд бо меҳтарон.

Чунин гуфт бо ройзан[1] шаҳрёр,
Ки хуррам ба мардум бувад рӯзгор.

Ба дахма - дарун, баски танҳо шавем,
Агарчанд бар тунд[2] боло шавем.

Ҳаме бистурад марг вайронҳо,[3]
Ба пай[4] оварад коху айвонҳо.

Зи шоҳу зи дарвеш ҳар[5] к – ӯ бимурд,
Або хештан номи[6] неке бибурд.

Зиён аст ранҷаш ҳама, ҳар чӣ бурд,
Чу мурд ӯ, ҳама ранҷ бо[7] ӯ бимурд.[8]

Ба гетӣ ситоиш бимонад,[9] бас аст,
Ки тоҷу камар баҳри дигар кас аст.

Беозориву ростӣ боядат,
Чу хоҳӣ, ки ин хӯрда нагзоядат.

Кунун соли ман рафт бар сиву ҳашт,
Басе рӯз бар шодмонӣ гузашт.

---

1. И – мӯбадон
2. Л – бартар зи
3. ЛМ – девонҳо,
4. Л – пой
5. И – он
6. И – зишту
7. Л – ӯву ранҷаш або
8. И – б. 1259 нест.
9. И – чу монад

www.sattor.com

Чу соли ҷавон баркашад бар чиҳил,
Ғами рӯзи марг андарояд ба дил.

Чу як мӯй гардад ба сар-бар сапед,
Бубояд гусастан зи шодӣ[1] умед.

Чу кофур шуд мушк, маъюб гашт,
Ба кофурбар тоҷ нохуб гашт.

Ҳаме базму бозӣ кунам то ду сол,
Чу лахте шикаст андарояд ба ёл.

Шавам пеши Яздон, бипӯшам палос,
Набошам зи кирдори ӯ носипос.

Ба шодӣ басе рӯз[2] бугзоштам,
Зи тоҷи меҳӣ баҳра бардоштам.

Кунун бар гулу нору себу биҳӣ
Зи май ҷоми заррин набояд тиҳӣ.

Чу бинам рухи[3] себ беҷодаранг,
Шавад осмон ҳамчу пушти паланг.

Барӯманду бӯё баҳоре бувад,
Майи сурх чун ғамгусоре бувад.

Ҳаво рост гардад, на гарму на сард,
Замин тозаву[4] обҳо ложвард.

Чу маҳ меҳргонӣ бипӯшем хаз,
Ба нахчир бояд шудан сӯи Ҷаз.[5]

Бад – он дашти нахчир коре кунем,
Ки андар ҷаҳон ёдгоре кунем.

Кунун гардани гӯр гардад ситабр,
Дили шери нар гираде ранги бабр.

1. И – Зи шодӣ бибояд буридан
2. И – сол
3. И – Чу гардад рухи
4. Ил – тираву
5. И – Газ.

www.sattor.com

Сагу юз бо чарғу шоҳину боз
Бубояд кашидан ба роҳи дароз.

Чу[1] он ҷой гӯр асту тиру камон,
Наёсоям аз тохтан як замон.

Биёбон, ки ман дидаам зери Ҷаз,
Шуда чун найи[2] найза болои газ!

Бад-он[3] ҷойгаҳ низ ёбем[4] шер,[5]
Шикорӣ бувад, гар[6] бимонем дер.

Ҳаме буд то абри шаҳриварӣ
Баромад, ҷаҳон шуд пур аз лашкарӣ.

Зи ҳар кишваре лашкаре ҷангҷӯй
Сӯи шоҳи Эрон ниҳоданд рӯй.

Аз эшон гузин кард гарданкашон,
Касе, к-ӯ зи нахчир донад нишон.

Биёвард лашкар ба дашти шикор,
Саворони шамшерзан даҳ ҳазор.

Ба наздики хиргоҳу пардасарой,
Ҳамон хаймаву охуру чорпой.

Ҳама зердастон зи пеши сипоҳ
Бирафтанд, ҳар ҷой канданд чоҳ.

Бад-он то ниҳанд аз бари чоҳ чарх,
Ки лашкар аз он об ёбанд барх.

Паси лашкар-андар ҳаме рафт шоҳ
Худу вижагон то ба нахчиргоҳ.

Биёбон саросар пур аз гӯр дид,
Ҳама беша аз шер пуршӯр[7] дид.

1. Л – Ки
2. Л- тани
3. Л- Бад-ин
4. И – бошем
5. Л- бошем сер,
6. И- Шикоре кунем, ар
7. И – Ҳам аз меш кишвар пур аз шӯр

www.sattor.com

Чунин гуфт, к – «Имшаб шикори май аст,
Ки аз шер бар хок чандон пай аст,

Ки фардо бибояд маро[1] шер ҷуст,
Бихуспид[2] шодондилу[3] тандуруст.

Кунун май гусорем то чоки рӯз,
Чу рахшон шавад тоҷи гетифирӯз,

Нахустин[4] ба шамшер шер афканем,
Ҳамон аждаҳои далер афканем.

Чу аз шер он беша[5] гардад тиҳӣ,
Бад – он гаҳ[6] маро[7] гӯр гардад раҳӣ.

Бибуд он шабу бомдоди пагоҳ
Сӯи беша рафтанд шоҳу сипоҳ.

Ҳамон гаҳ ки берун хиромид шер,
Диловар шуда, хӯрда аз гӯр сер,

Ба ёрон чунин гуфт Баҳроми гурд,[8]
Ки тиру камон дораму дастбурд.[9]

Валекин ба шамшер ёзам[10] ба шер,
Бад – он то нахонандамон[11] нодалер.

Бипӯшид таркарда[12] пашмин қабо[13]
Ба аспи набард андаровард по.[14]

Чу шер аждаҳо дид, бар пой хост,
Зи боло ду даст андаровард рост.

1. Л – набояд маро
2. Л – Бихуспем.
3. И – Бихуспид хуррамдилу
4. И – Ба тиру
5. ИЛ – ин беша аз шер
6. И – аз он пас
7. Л – Туро
8. И – Гӯр,
9. И – фарру зӯр.
10. ИЛ – тозам
11. И – нахонад касам
12. Л – навкарда
13. Л – қабой,
14. Л – пой.

www.sattor.com

Ҳаме хост зад бар сари аспи ӯй,
Бизад пошна марди нахчирҷӯй.

Бизад бар сари шер шамшери тез,
Сабук ҷуфти ӯ ҷуст роҳи гурез.

Зи сар то миёнаш[1] ба ду ним кард,
Дили наррашерон пур аз бим кард.

Биёмад дигар шери ғуррон далер,
Ҳамон ҷуфти ӯ бачча парварда зер.

Бизад ханҷаре шоҳ бар гарданаш,
Сари шери нар кард дур аз танаш.

Яке гуфт, к - «Эй шоҳи хуршедчеҳр,
Надорӣ ҳаме бар тани хеш меҳр.

Ҳама беша шеранд бо баччагон,
Ҳама баччагон шири модар макон,

Кунун бояд ожир будан зи шер,
Ки дар меҳргон бачча дорад ба[2] зер.

Се фарсанг болои ин беша ҳаст,
Ба як сол агар шер гирӣ ба даст,

Ҷаҳон ҳам нагардад зи шерон тиҳӣ,
Ту чандин чаро ранҷ бар тан ниҳӣ?

Чу биншаст бар тахт шоҳ аз нахуст,
Ба паймон ҷуз аз ҷанги шерон наҷуст.

Кунун шаҳрёриву кайҳон[3] турост,
Ба гӯр омадӣ, ҷанги шерон чарост?»

Бад - ӯ гуфт шоҳ: «Эй хирадманд пир,
Ба шабгир фардо ману гӯру тир

1. ИЛ – ба пояш
2. Л – доранд
3. И – шаҳрёрии Эрон

www.sattor.com

Саворони гарданкаш андар замон[1]
Накарданд номӣ[2] ба тиру камон.

Агар доди мардӣ бихоҳем[3] дод,
Зи кӯполу шамшер гирем ёд».

Бад – ӯ гуфт мӯбад, ки «Гар даҳ[4] савор,
Будӣ мар туро чун ту дар корзор,

Набудӣ ба Руму ба Чин тоҷу тахт,
Ба дарё кашидӣ хирадманд рахт,

Ки чашми бад аз фарри ту дур бод,
Нишасти ту дар гулшани[5] сур бод!

Ба пардасарой омад аз беша шоҳ
Або мӯбаду паҳлавони сипоҳ.

Ҳаме хонд лашкар бар ӯ офарин,
Ки бе ту мабодо кулоҳу нигин.

Ба хиргоҳ шуд, чун сипаҳ бозгашт,
Бишуст аз хай он хусравӣ ёлу даст.[6]

Яке марзбон доштӣ[7] пешкор,
Зи хиргоҳи худ дур карданд[8] хор.

Ниҳоданд кофуру мушку гулоб,
Бигустурд мушк аз бари ҷойи хоб.

Ҳама хаймаҳо хони заррин[9] ниҳод,
Бар ӯ созу[10] ороиши Чин[11] ниҳод.

1. Л – Саворону гарданкашони дамон
2. ЛМ – Нагарданд номӣ
3. Л – нахоҳем
4. Л – як
5. Л – гулшану
6. И – б. 1319, 1320 нест.
7. ИЛ – донишӣ меҳрбор,
8. Л – Ба хиргоҳ нав барпароганд
9. И- хайма ороиши Чин
10. Л-коса
11. И- Ба хон - бар ҳама коса заррин

www.sattor.com

Биёрост солор хон аз бара,
Ҳам аз хӯрданиҳо, ки буд яксара.

Чу нон хӯрда шуд, шоҳ Баҳроми Гӯр
Бифармуд ҷоми бузург аз булӯр,

Ки орад паричеҳраи майгусор,
Ниҳад бар кафи додгар шаҳрёр.

Чунин гуфт, к-«Ин подшо Ардашер,
Ки барно шуд аз бахти ӯ марди пир,

Сари моя ӯ буду мо кеҳтарем,
Агар кеҳтариро худ андарх(в)арем.

Ба разму ба базму ба рою ба хон
Ҷуз ӯро ҷаҳондори гетӣ махон.

Бад-он гаҳ ки Искандар омад зи Рум
Ба Эрону вайрон шуд ин марзу бум,

Гар ӯ ноҷавонмард буду дурушт,
Ки сиву шаш аз шаҳрёрон бикушт.

Лаби хусравон пур зи нафрини ӯст,
Ҳама рӯи гетӣ[1] пур аз кини ӯст.

Чу бар Офаридун кунанд офарин,
Бар ӯяст нафрин зи ҷӯёи кин.

Мабодо чуз аз некуӣ дар ҷаҳон
Зи ман дар миёни кеҳону меҳон.

Биёред,- гуфто, - мунодигаре,
Хушовозу аз номодорон саре,

Ки гардад[2] саросар ба гирди сипоҳ,
Ҳаме бархурӯшад ба бероҳу роҳ,[3]

Бигӯяд, ки дар шаҳри Баркӯҳу Ҷаз,
Гар аз гавҳару зарру дебову хаз

1. И- кишвар
2. Л- Бигардад
3. И – б. 1336 нест.

www.sattor.com

Ҷуз ин то ба хошоки ночизу паст
Биёзад касе носазовор даст,

Бар аспаш нишонам, сияҳ[1] карда рӯй,
Аз эдар кашон бо ду пайкорҷӯй.

Ду пояш бубанданд дар зери асп,
Фиристам-ш то пеши Озаргушасп.

Ниёиш кунад пеши озар ба хок,
Парастиш кунад пеши Яздони пок.

Бад-он кас диҳам чизи ӯро, ки чиз
Аз ӯ бистаду чирагӣ кард низ.

Агар асп дар киштзоре кунад
В-ар оҳанг бар мевадоре кунад,[2]

Зи зиндон наёбад ба соле раҳо,
Савори сарафроз гар бебаҳо,

Ҳамон ранҷи мо бас, к-аз ин дашт бахр
Биёбад, наёзид бояд ба шаҳр.

Бирафтанд бозоргонони шаҳр
Зи Ҷаззу зи Баркӯҳ мардум ду баҳр.

Биёбон чу бозори Чин шуд зи бор,
Бад-он сӯ, ки шуд[3] лашкари шаҳрёр.

ҲУНАР НАМУДАНИ БАҲРОМ БА НАХЧИРИ ГӮРОН

Дигар рӯз чун тоҷ бифрӯхт[4] хур,
Ҷаҳондор[5] шуд сӯи нахчири гӯр.

1. ИЛ – зи пас
2. И- б.1343 нест.
3. ИЛ – буд
4. И – рӯй бинмуд
5. И – Сипаҳдор

www.sattor.com

Камонҳо ба зеҳ барниҳода[1] сипоҳ,
Паси лашкар-андар ҳаме ронд[2] шоҳ.

Чунин гуфт, к-«Он[3] к-ӯ[4] камонро ба даст
Бимолад, кушояд ба андом[5] шаст,

Набояд задан тир ҷуз бар сутун,
Ки аз сина пайконаш ояд бурун».

Яке паҳлавон гуфт, к-«Эй шаҳрёр,
Нигаҳ кун бад-ин[6] лашкари номдор,

Ки бо кист, з-ин гуна тиру камон,
Бадандеш ё марди некигумон.

Магар бошад ин аз кушоди барат,
Ки ҷовид бодо сару афсарат.

Чу ту тир гириву шамшеру гурз
Аз он хусрави ёлу[7] болои[8] бурз

Ҳама лашкари[9] шоҳ доранд шарм,
Ба тиру камон-бар шавад даст нарм».

Чунин дод посух, ки «Ин эзадист,
Чу ӯ бугсилад зӯр, Баҳром кист?»

Барангехт шабдиз Баҳроми Гӯр,
Чу наздик шуд бо яке наррагӯр,

Чу омад-ш ҳангом, букшод шаст,
Бари гӯри нар бо суринаш бубаст.

Ҳамон гоҳ гӯр андаромад ба сар,
Бирафтанд гурдони зарринкамар.[10]

1. И- Каёнӣ камонҳо ба зеҳ-бар
2. И – ҳамерафт
3. Л – гуфт: «Он
4. И – Ҳар он кас ки гирад
5. И – Бибояд кушодан ба ҳангом
6. Л – дар ин
7. Л – хусравифарру
8. И – хусравифарру он ёлу
9. И – лашкар аз
10. И – Чу рафтанд гурдони пархошхар.

www.sattor.com

Шигифт андар он захми ӯ монданд,
Якояк бар ӯ офарин хонданд.[1]

Касе парру пайкони тираш надид,
Ба болои он гӯр шуд нопадид.

Саворони ҷангиву мардони кин
Саросар бар ӯ хонданд офарин.[2]

Бад-ӯ паҳлавон гуфт, к-«Эй шаҳрёр,
Мабинод чашмат бади рӯзгор.

Саворӣ туву мо ҳама бар харем,
Ҳам аз харварон дар ҳунар[3] камтарем».

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Ин на тири ман аст,
Ки пирӯзгар дастгири ман аст.

Киро пушту ёвар ҷаҳондор нест,
Аз ӯ хортар дар ҷаҳон хор[4] нест».

Барангехт он боркашро зи ҷой,
Ту гуфтӣ, шуд он асп парронҳумой.

Яке гӯр пеш омадаш, мода буд[5],
Бача пеши ӯ рафтаву монда буд.[6]

Яке теғ зад бар миёнаш савор,
Ба ду нима шуд гӯри нопойдор.

Расиданд наздики ӯ меҳтарон,
Сарафрозу шамшерзан кеҳтарон.[7]

Чу он захм диданд бар модагӯр.[8]
Хирадманд гуфт: «Ин-т шамшеру зӯр.

1. И – б. 1361 нест.
2. Л – б. 1362, 1363 нест.
3. И – харсаворон барат
4. Л – зор
5. Л – монда шуд,
6. Л – рафт, тозанда шуд.
7. И – Сарафроз гурдону ҷанговарон.
8. Л – Чунон захм диданд ба миёни гӯр.

www.sattor.com

Мабинод чашми бад ин шоҳро,
Намонад магар бар фалак моҳро.

Сари меҳтарони ҷаҳон зери ӯст,
Фалак зери пайкону[1] шамшери ӯст.

Сипоҳ аз паси ӯ[2] ҳаме тохтанд,
Биёбон зи гӯрон бипардохтанд.

Бифармуд, то ҳалқаи зар кунанд,
Бар он ҳалқаҳо номи ӯ баркананд.

Барафканд дар гӯши гӯри яла,
Ҳамон низ бо доғ сесад гала.

Раҳо кардашон аз пайи номро,
Ҳамон аз пайи шодиву комро.[3]

Яке мард бар[4] гирди лашкар бигашт,
Ки як тан мабод андар ин паҳндашт,

Ки гӯре фурӯшад ба бозоргон,
Бад-эшон[5] диҳад ин ҳама ройгон.

Зи Баркӯҳу аз номдорони Ҷаз
Бибурданд бисёр дебову хаз[6]

Пазируфту*[7] фармуд, то божу[8] сов
Нахоҳанд, агарчандашон буд[9] тов.

В-аз он шаҳрҳо ҳар кӣ[10] дарвеш буд,
В-агар нонаш[11] аз кӯшиши хеш буд,

1. И – бандаи теғи
2. И – пас андар
3. ИЛ – б. 1376 – 1378 нест.
4. И – мӯбаде
5. И – Ба мардум
6. И – Пас аз б. 1381 ин б. омада:
   Басе ҳадя бурданд наздики шоҳ,
   Бибурданд зӣ сарварони сипоҳ.
7. М – Бипазруфту
8. И – Пазируфт Баҳром бо бозу
9. И – гар будашон низ
10. И – шаҳр ҳар кас, ки
11. И – хӯрдаш

www.sattor.com

Зи бахшидани ӯ тавонгар шуданд,
Басе низ ботахту афсар шуданд.

Ба шаҳр андаромад зи нахчиргоҳ,
Яке ҳафта з-ӯ шод шаҳру[1] сипоҳ.

Ба майдон будӣ бештар[2] боргоҳ,
Пиёда шудандӣ бари ӯ сипоҳ.

Бирафтӣ хушовоз гӯяндае,
Хирадманду дарвешу ҷӯяндае.

Бигуфтӣ, ки «Эй додхоҳандагон,
Ба Яздон паноҳед аз бандагон.

Касе, к-ӯ нахуфтаст аз ранҷи мо,
В-агар несташ баҳра аз ганҷи мо,

Ба майдон хиромед, то шаҳрёр
Магар бар шумо нав кунад рӯзгор.

Дигар ҳар кӣ пир асту бекору суст,
Ҳамон, к-ӯ ҷавон асту нотандуруст.

В-агар вом дорад касе з-ин гурӯҳ,
Шудаст аз бади вомхоҳон сутӯҳ,

В-агар бепадар кӯдаконанд низ,
Аз он кас, ки дорад, бихоҳанд[3] чиз.

Бувад моми кӯдак нуҳуфта ниёз,
Ҳаме дорад он тангии[4] хеш роз,[5]

В-агар[6] моядоре[7] тавонгар бимурд,
Бад-ин марзу з-ӯ кӯдакон буд[8] хурд,

1. Л – Ба як ҳафта буд шодмон бо; И – Ба як ҳафта ӯ шодмон бо
2. И – пеши ӯ
3. ИЛ – нахоҳанд
4. Л – некии
5. И – Пас аз б. 1394 ин б. омада:

   Ҳамон ёраву тавқу афсар диҳем,
   Ҳамин қавмро зарру гавҳар диҳем.

6. Л – Дигар
7. И – номдоре
8. И – марз з-ӯ кӯдакон монда

www.sattor.com

Кунад кордоре бад-он чиз рой,
Надорад дили[1] шарму тарси[2] Худой.

Сухан з-ин нишон кас мадоред роз,
Ки аз роздорон манам бениёз.

Тавонгар кунам марди дарвешро,
Ба дин оварам ҷони[3] бадкешро.

Битӯзем воми касе, к-аш дирам
Набошад, дили хеш дорад ба ғам.

Дигар ҳар кӣ дорад нуҳуфта ниёз,
Бар ӯ даркушоям[4] дари ганҷ боз.

Гар аз кордорон бувад ранҷ низ,[5]
Ки хоҳанд ҳам аз падармурда[6] чиз,[7]

Кунам зинда бар дор бедодро,
Ки озор дод[8] марди озодро[9]».

Зи нахчиргаҳ[10] сӯи Бағдод рафт,
Хирадёфта бо диле шод рафт.

Бирафтанд, гарданкашон пеши[11] ӯй,
Зи бегона в-он кас, ки буд хеши ӯй.

Бифармуд, то бозгардад сипоҳ,
Биёмад ба кохи дилорой шоҳ.

---

1. И – ба дил
2. Л – бад-он шарму тарс аз
3. И – марди
4. ИЛ – баркушоям
5. И – В-ар аз кордоре бувад низ ранҷ,
6. Л – ӯ аз падармурдае хост
7. И – Ки ӯ аз падармурдае хост ганҷ,
8. Л – Ки озурд ӯ
9. ТПЗИЛМ – Кушоданд аз он пас дари ганҷ боз,
   Тавонгар шуд он кас, ки будаш ниёз;
   И – Зи дор андаровезамаш сарнагун
   Бад-он, то чаро шуд ба бад раҳнамун.
10. ИЛ – нахчиргаҳ
11. И – сӯи

www.sattor.com

Шабистони заррин[1] биёростанд,
Парастандагон мушку[2] май хостанд.

Бутон чомаву[3] чанг барсохтанд,
Зи бегона айвон бипардохтанд.

Зи руду маю ною бонги суруд
Ҳаворо ҳаме дод гетӣ габ дуруд.

Ба ҳар ҳуҷрае, ҳар шабе[4] дастбанд
Бикарданд,[5] то дил надорад нажанд.[6]

Ду ҳафта ҳаме буд дил шодмон,
Дари ганҷ букшод рӯзу шабон.[7]

Дирам доду омад ба шаҳри Ситахр,
Ба сар барниҳод он каӣ тоҷи фахр.

Шабистони Харрод[8] дар боз кард,
Бутонро зи ганҷи дирам соз кард.

Ба мушкуи заррин ҳар он кас ки тоҷ
Набудаш, на зер-андарун тахти оҷ,

Аз он шоҳи Эрон фаровон жакид,
Барошуфту аз Рӯзбеҳ лаб газид.

Бад-ӯ гуфт: «Ман божи Руму Хазар
Бад-эшон диҳам, чун биёрӣ ба дар.

Ҳам акнун ба харвор динор хоҳ,
Зи ганҷи Раю Исфаҳон бор хоҳ.

Шабистон бар ин гуна вайрон бувад,
На андархури[9] шоҳи Эрон бувад.

1. ИЛ – барзин
2. И – руду
3. И – Ҳама чомаи
4. ИЛ – шаб зи ҳар ҳуҷрае
5. Л – Бибурданд
6. И – Бибурданд наздики тахти баланд.
7. И – бикшуд, к-омад замон.
8. Л – Хурдод
9. И – аз ахтари

www.sattor.com

Зи ҳар кишваре божи[1] нав хостанд,
Заминро ба дебо биёростанд.

Бад-ин гуна якчанд гетӣ бих(в)ард,
На разму на ранҷу на нангу набард.[2]

ЛАШКАР КАШИДАНИ ХОҚОНИ ЧИН БА ЭРОН ВА ЗИНҲОР ХОСТАНИ ЭРОНИЁН АЗ Ӯ

Пас огоҳӣ омад ба Ҳинду ба Рум,
Ба Турку ба Чину ба ободбум,

Ки Баҳромро дил ба бозист бас,
Касеро ба гетӣ надорад ба кас.

Талоя наю дидбон[3] низ на,
Ба марз-андарун марзбон[4] низ на,

Ба бозӣ ҳаме бугзаронад ҷаҳон,
Надонад ҳаме ошкору ниҳон.

Чу хоқони Чин ин суханҳо шунид,
Зи Чину Хутан лашкаре баргузид.

Дирам доду сар сӯи Эрон ниҳод,
Касеро наёмад зи Баҳром ёд.[5]

Ба Эрон чу огоҳӣ омад зи Рум,
Зи Ҳинду зи Чину зи ҳар марзу бум,[6]

Ки қайсар сипаҳ карду лашкар кашид,
Зи Чину Хутан[7] лашкар омад падид.

Аз Эрон ҳар он кас, ки буд пешрав,
Зи пирону аз номдорони нав,

1. И – бози
2. ТПМ – Шикору маяш кор будиву бас,
   Ҳама шодиаш ёр будиву бас.
3. Л – марзбон.
4. Л – паҳлавон
5. ТПЗ – В-аз он рӯй Қайсар сипаҳ баркашид,
   Ҳама кишвари Рум лашкар кашид.
6. И – Турку зи Чину зи ободбум.
7. И – Зи Турку зи Чин

www.sattor.com

Ҳама пеши Баҳроми Гӯр омаданд,
Пур аз хашму[1] пайкору шӯр омаданд.

Бигуфтанд бо шоҳ чанде дурушт,
Ки «Бахти фурӯзон-т бинмуд пушт,

Сари шаҳрёрон ба разм-андар аст,
Туро дил ба бозиву базм-андар аст.

Ба чашми ту хор аст ганҷу сипоҳ,
Ҳамон марзи Эрону ҳам тахту гоҳ.[2]»

Чунин дод посух ҷаҳондор шоҳ
Бад-он мӯбадони намояндароҳ,

Ки «Додори гетӣ маро ёвар аст,
Ки аз дониши бартарон бартар аст.

Ба пирӯзии[3] подшоҳи бузург
Ман Эрон нигаҳ дорам аз ҷанги гург.

Ба бахту сипоҳу ба шамшеру ганҷ
Зи кишвар бигардонам ин дарду ранҷ».

Ҳаме кард бозӣ бар ин[4] ҳамнишон,
В-аз ӯ пур зи хун дидаи саркашон.

Ҳаме гуфт ҳар кас, к-«Аз ин подшо
Бупечад дили мардуми порсо».

Дили шоҳ Баҳром бедор[5] буд,
В-аз он огаҳӣ пур зи тимор буд.

Ҳаме сохтӣ кори лашкар ниҳон,
Надонист розаш кас андар ҷаҳон.

Ҳама шаҳри Эрон зи кораш бабим,
Аз[6] андешагон дил шуда бар ду ним.

---

1. И – ҷангу
2. И – б. 1432 нест.
3. ИЛ – Ба нерӯи он
4. И – ромиш бад-он
5. И – бемор
6. И – В-аз

www.sattor.com

Ҳама гашта навмед аз он шаҳрёр,
Тану кадхудоӣ гирифтанд хор.

Пас огоҳӣ омад ба Баҳромшоҳ,
Ки омад зи Чин андар[1] Эрон сипоҳ.[2]

Ҷаҳонҷӯй[3] Густаҳмро пеш хонд,
Зи хоқони Чин чанд бо ӯ[4] биронд.

Куҷо паҳлавон буду дастур буд,
Чу разм омадаш, пеши ӯ сур буд.

Дигар Меҳрпирӯзи Харродро,
Севум Меҳрбарзини Фарҳодро.

Чу Баҳрому Пирӯзи Баҳромиён,
Хазарвону Руҳҳом бо Андимон.

Яке шоҳи Гелон, яке шоҳи Рай,
Ки бифшордандӣ гаҳи ҷанг пай.

Дигар Додбарзини размозмой,
Куҷо Зобулистон бад-ӯ буд ба пой.

Биёвард ҳам[5] Қорани Бурзмеҳр,[6]
Дигар Родбарзини[7] ожангчеҳр.[8]

Гузин кард аз эрониён шаш[9] ҳазор
Хирадманду[10] шоистаи корзор.[11]

Бародар-шро дод тахту кулоҳ,
Ки то ганҷу лашкар-ш дорад нигоҳ.

---

1. Л – то ба
2. И – б. 1443 нест;
   ТПЗ – Чу Хоқон ба наздики Эрон расид,
   Хабар з-ӯ ба шоҳи далерон расид.
3. М - Ҷаҳондор
4. Зи хоқону лашкар фаровон биронд.
5. Л - чун; Н - Срафроз чун.
6. ИЛ - чун зи меҳр
7. Л - Додбарзини
8. И - хуршедчеҳр.
9. И - Аз Эрон далерон даҳу ду
10. И - Ҳаме гурди
11. ТП - Ба Нарсӣ, ки буд аз нажоди Пашин,
    Бародар будаш хусрави покдин.

www.sattor.com

Хирадманд Нарсии озодчеҳр,
Ҳамаш фарри дин буду ҳам доду меҳр.

В-аз он ҷойгаҳ лашкар андаркашид,
Сӯи Озарободагон даркашид.[1]

Чу аз Порс лашкар фаровон набурд,
Чунин буд назди бузургони хурд,

Ки аз ҷанг бугрехт Баҳромшоҳ,
Варо сӯи Озаргушасп аст роҳ.

Чу Баҳром рух сӯи Озар ниҳод,
Фиристода омад[2] зи Қайсар чу бод.

Ба кохеш Нарсӣ фуруд оварид,
Гаронмоя ҷое, чунон чун сазид.

Сӯи мӯбадонмӯбад омад сипоҳ
Ба огоҳ будан[3] зи Баҳромшоҳ[4].

«Чу бар мо ҳаме ганҷ напроганад,
Чаро ҳамчу шоҳон на ганҷ оганад.

Ба ҳар ҷой ҷон барфишонад ҳаме,
Ҳам арҷи ҷавонӣ надонад ҳаме.

Пароканда шаҳриву ҳам лашкарӣ,
Ҳаме ҷуст, ҳар кас раҳи[5] меҳтарӣ.

В- аз он пас чу гуфторҳо шуд куҳан,
Бар он барниҳоданд яксар сухан,

К – «Аз Эрон яке марди боофарин
Фиристанд наздики хоқони Чин.

Ки пеш аз баду[6] ғорату тохтан
Зи ҳар гунае бояд андохтан.

1. ТПЗ - Ҳам эдун зи лашкар гузин кард мард,
Саворони тойиба рӯзи набард.
Ду раҳ шаш ҳазор озмудаспвор
Зиреҳтар бо гурзоби говсар.
2. Л – Расуле биёмад
3. И – кардан
4. ТПМ – Ҳаме гуфт ҳар кас, ки «Баҳром тахт
Раҳо карду бар мо бишӯрид бахт».
5. И – як дари
6. И – то кам кунад

www.sattor.com

Магар буми Эрон бимонад ба ҷой,
Чу аз хона овора шуд кадхудой.[1]

Чунин гуфт Нарсӣ, ки «Ин рӯй нест,
Мар ин обро дар ҷаҳон ҷӯй нест,

Ки зинҳор хоҳам, ман аз шоҳи Чин,
Ба пилону лашкар бипӯшам замин.

Силеҳ асту ганҷ асту[2] мардони мард,
К – аз оташ ба ханҷар бароранд гард.

Чу навмедӣ[3] омад зи Баҳромшоҳ,
Гар ӯ рафт бо хормоя сипоҳ.

Чу[4] андешаҳотон чунин гашт бад,
Чу андешаи бад кунӣ, бад расад».

Шуниданд эрониён он сухун,
Яке посухи нав[5] фикананд бун,

Ки «Баҳром аз эдар[6] сипоҳе набурд,
Чу[7] моро ба ғам дил набояд[8] супурд.

Чу хоқон ба Эрон дарояд[9] ба ҷанг,
Намонад дар ин буми мо[10] бӯю ранг.

Сипоҳиву Нарсӣ намонад[11] ба ҷой,
Бикӯбанд бар хира моро ба[12] пой.

Ҳаме[13] чора созем, то ҷойи мо
Бимонад, зи бун[14] нагсилад пойи мо.

1. И – б. 1466 нест.
2. И –ҳам ганҷу
3. ИЛ – навмед
4. ИЛ – Ки
5. Л – нағз
6. И – рафту
7. И – Ки
8. И – бибояд
9. ИЛ – хиромад
10. И – бар ин буму бар
11. И – шаҳрӣ
12. И – мо чира дар зери
13. И – Ҳама
14. И – ба мо,

www.sattor.com

Яке мӯбаде буд, номаш Ҳумой.
Хирадманду[1] бодонишу покрой.

Варо баргузиданд эрониён,
Ки он чораро танг бандад миён.

Набиштанд[2] пас номае бандавор
Аз эрониён назди он шаҳрёр.

Сари нома гуфтанд: «Мо бандаем,
Ба фармону роят сар афкандаем.

Зи чизе, ки бошад[3] ба Эронзамин,
Фиристем бо пӯзишу офарин.[4]

Ҳамон[5] низ бо ҳадяҳо божу сов,
Ки бо ҷанги туркон надорем тов».

Зи Эрон биёмад хуҷаста Ҳумой
Худу номдорони покизарой.

Паёми бузургон ба ҳоқон бидод,
Дили шоҳи Тӯрон бад - он[6] гашт шод.

В – аз он ҷунбиши тези Баҳромшоҳ,
К – аз Эрон бишуд тозиён бо сипоҳ,

Ба пеши гаронмоя хоқон бигуфт,
Дилу ҷони хоқон чу гул баршукуфт.

Ба туркон чунин гуфт хоқони Чин,
Ки «Кардем бар чархи гарданда зин.[7]

Кӣ овард бе ҷанг Эрон ба ҷанг,
Магар мо ба рою ба ҳушу диранг?»

Фиристодаро чизи бисёр дод,
Дирам дод чиниву[8] динор дод.

---

1. И – Ҳунарманду
2. Л – навиштанд
3. И – хоҳӣ зи
4. Л – б – офарин.
5. И – Ҳама
6. И – номдорон аз он
7. Л – б. 1485 – 1487 нест.
8. И – бисёру

www.sattor.com

Яке посухи нома бинвишту гуфт,
Ки «Бо ҷони покон хирад бод ҷуфт.

Бад – ин боз гаштем[1] ҳамдостон,
Ки гуфт ин фиристодаи ростон.

Чу бо ман сипоҳ андарояд[2] ба Марв,
Кунам рӯи гетӣ[3] чу парри тазарв.

Ба доду ба рою ба рангу ба бӯй,
Або об шир андарорам ба ҷӯй.

Бибошем, то божи Эрон расад,
Зи марзи далерону[4] шерон[5] расад.

Ба Марв ояму з - остар[6] нагзарам,[7]
Нахоҳам, ки ранҷ[8] ояд аз лашкарам».

Фиристода тозон ба Эрон расид,
Зи хоқон бигуфт, ончи диду шунид.

Ба Марв андаровард хоқон сипоҳ,
Ҷаҳон шуд зи гарди саворон сиёҳ.

Чу осуда шуд, сар ба хӯрдан ниҳод,
Касеро наёмад зи Баҳром ёд.[9]

Ба Марв-андар аз бонги чангу рубоб
Касеро набуд ҷойи орому хоб.

Сипаҳро бад – он дашт карда яла,
Талоя наю дидбон бар гала.

Шикору маю маҷлису ною чанг,
Ба рӯзу ба шаб эмин аз кори ҷанг.

Ҳаме божи эрониён чашм дошт,
Зи дер омадан дил пур аз хашм дошт.

---

1. И – Бад он гуфта гаштем
2. ИЛ – Чу ман бо сипоҳ андароям
3. ИЛ – кишвар
4. Л – Ҳамон ҳадяву сови
5. - Ҳама ҳадяҳои далерон
6. И – з – он сипас
7. Л – андар осудатар бугзарам,
8. И – бад
9. И – б. 1498 нест.

www.sattor.com

ТОХТАНИ БАҲРОМИ ГӮР БАР ХОҚОНИ ЧИН

В – аз он рӯй Баҳром бедор буд,
Сипаҳро зи душман нигаҳдор буд.

Шабу рӯз корогаҳон доштӣ,
Ба базму ба май рӯз нагзоштӣ.[1]

Чу огоҳӣ омад ба Баҳромшоҳ,
Ки хоқон ба Марв асту чандон сипоҳ,[2]

Биёвард лашкар ба Озаргушасп,
Ҳаме бебуна ҳар яке бо ду[3] асп.

Або ҷавшану таргу румӣ кулоҳ
Шабу рӯз чун бод тозон[4] ба роҳ.

Ҳаме тохт тозон[5] чу аз кӯҳ сел,
Ба Омул гузашт аз дари[6] Ардабил.

Зи Омул биёмад, ба[7] Гургон кашид,
Ҳаме ранҷу дарди[8] бузургон кашид.

Зи гургон биёмад ба шаҳри Нисо,
Яке раҳбаре пеши ӯ порсо[9].

Ба кӯҳу биёбону бероҳ рафт,
Шаби тира то рӯзи бегоҳ рафт.

Ба рӯз-андарун дидбон[10] доштӣ,
Ба тирашабон посбон доштӣ.

Бад-ин сон биёмад ба наздики[11] Марв,
Напаррад бад – он[12] гуна паррон тазарв.

---

1. Ил – бугзоштӣ.
2. И – б. 1505 нест.
3. И – Ҳама бе буна ҳар касе бо се
4. Л - бодпоён
5. Л - Ҳамеронд
6. Л – раҳи
7. И – В – аз Омул сӯи шаҳри
8. И – Ҳама дарду ранҷи
9. Л – раҳнамун пешу ӯ аз Нисо; И – раҳнамун пеши ӯ аз Нисо.
10. Л – дидабон
11. И – Биёмад шитобон сӯи шаҳри
12. И – Бипаррад бар он

www.sattor.com

Наванде биёмад зи корогаҳон,
Ки «Дур аст хоқон зи кори меҳон.[1]

Ба тадбири нахчири Кашмеҳан аст,
Шабу рӯз дастураш Оҳарман аст».

Чу Баҳром бишнид, аз он шод гашт,
Ҳама ранҷҳо бар танаш бод гашт.

Баросуд рӯзе бар он ҷойгоҳ,[2]
Чу осуда гашт аспу[3] шоҳу сипоҳ,

Ба Кашмеҳан омад ба ҳангоми рӯз,
Чу[4] барзад сар[5] аз кӯҳ гетифирӯз.

Ҳама гӯш пур нолаи бӯқ буд,[6]
Ҳама чашм пур ранги манҷуқ буд.[7]

Деҳодеҳ баромад зи нахчиргоҳ,
Пуровоз шуд гӯши шоҳу сипоҳ.

Бидаррид аз овоз гӯши ҳизабр,
Ту гуфтӣ ҳаме жола борид абр.

Чунон шуд зи хун дашти[8] овардгоҳ,
Ки гуфтӣ ҳаме хун биборад[9] зи[10] моҳ.

Чу хоқон зи нахчир бедор шуд,
Ба дасти Хазарвон гирифтор шуд.[11]

Чу сесад тан аз номдорони Чин
Гирифта бубастанд[12] бар пушти зин.

1. Л – ҷаҳон; И – ба кори ҷаҳон.
2. Л – дар он размгоҳ; И – размгоҳ.
3. И – осудатар гашт
4. Л – Ки
5. И – Ки сар барзад
6. ИЛ – шуд,
7. ИЛ– шуд.
8. Л – хоки; И – ба хун хоки
9. И – ҳама тир борад
10. Л – Ту гуфтӣ ҳаме тир борид
11. И – Саранҷом хоқон гирифтор шуд,
Бар ӯ рӯзи равшан шаби тор шуд.
12. И – Гирифтанду бастанд

www.sattor.com

Сипаҳбад зи Кашмеҳан омад ба Марв,
Шуд аз тохтан бодпоён чу ғарв.

Ба Марв-андар аз чиниён бас[1] намонд,
Бикуштанду аз[2] ҷангиён кас намонд.

Ҳар он кас, к – аз эшон гурезон бирафт,
Пас-андар ҳаме тохт Баҳром тафт.

Бар ин сон ҳаме рафт[3] фарсанг сӣ,
Паси пушти ӯ Қорани порсӣ.

Чу баргашту омад ба нахчиргоҳ,
Бубахшид чизи касон бар сипоҳ.

Зи[4] пирӯзии Чин чу сар барфарохт,
Ҳама комгорӣ[5] зи Яздон шинохт,

Ки ӯ дод бар неку бад дастгоҳ,
Ки дорандаи офтоб асту моҳ.

МИЛ БАРОВАРДАНИ БАҲРОМИ ГӮР БА САРҲАДДИ ЭРОН ВА ТӮРОН

Биёсуд[6] дар Марв Баҳроми Гӯр,
Чу осуда шуд шоҳу ҷангӣ[7] сутур.

Равонаш ситез аз[8] мадоро гузид,
Дилаш ройи разми Бухоро гузид.

Ба як рӯзу як шаб ба Омуй шуд,
Зи нахчиру бозӣ ҷаҳонҷӯй шуд.

Биёмад зи Омуй як поси шаб,
Гузар кард бар обу реги Фараб.[9]

1. Л – кас
2. Л – Бикуштанд в – аз
3. И – ин гуна мехост
4. Л – Ба
5. И – кому шодӣ
6. Л – Баросуд; И – Ҳаме буд
7. Л – хайлу; И – осудатар гашт марду
8. И – Чу тезӣ ба ҷойи
9. И – б. 1535 нест.

www.sattor.com

Чу хуршед рӯи ҳаво кард зард,
Бияндохт пероҳани ложвард.[1]

Замона шуд аз гард чун парри чарғ,
Ҷаҳонҷӯй бугзашт бар Мою Марғ.

Ҳама лашкари[2] турк барҳам заданд,[3]
Ба буму бараш[4] оташ андар заданд.

Ситора ҳаме домани моҳ ҷуст,
Падар бар писар-бар ҳаме роҳ ҷуст.

Зи туркон ҳар он кас, ки буд пешрав,
Зи пирону ханҷаргузорони[5] нав,

Ҳама пеши Баҳром рафтанд хор,
Пиёда, пур аз хун дилу хоксор,

Ки «Шоҳо, бузурго, баландахтаро,
Бар озодагони ҷаҳон меҳтаро![6]

Гар эдун, ки хоқон гунаҳгор[7] шуд,
Зи аҳди ҷаҳондор безор[8] шуд,

Ту хуни сари бегуноҳон марез,
На хуб ояд аз номдорон ситез.[9]

Гар аз мо ҳаме бож хоҳӣ, равост,
Буридан сари номдорон[10] чарост?

Ҳама марду зан бандагони туем,
Ба разм-андар афкандагони туем».

Дили шоҳ Баҳром аз эшон бисӯхт,
Ба дасти хирад чашми хашмаш бидӯхт.

---

1. ИЛ – лоҷвард.
2. И – кишвари
3. Л – турклашкар ба ҳам барзаданд,
4. И – марзу ба бум
5. И – аз номдорони
6. И – сарваро!
7. Л – гирифтор
8. И – ҷаҳонҷӯй бедор
9. И – шаҳриёрон
10. Л – Сари бегуноҳон буридан

www.sattor.com

Зи хун рехтан дасти гурдон бубаст,
Пурандеша шуд шоҳи яздонпараст.

Чу меҳри ҷаҳондор[1] пайваста шуд,
Дили марди ошуфта оҳиста шуд.

Бари шоҳ шуд меҳтари, меҳтарон,
Бипазруфт ҳарсола божи гарон.

Аз он кор чун коми ӯ шуд раво,
Пас аз бож бистад зи туркон наво.

Чу баргашту омад ба шаҳри Фараб,
Беожанг рухсору пурханда лаб,

Баросуду як ҳафта лашкар наронд,
Зи Чин меҳтаронро бари хеш хонд.

Баровард миле зи сангу зи гаҷ,
Ки касро ба Эрон зи турку халаҷ

Набудӣ гузар ҷуз ба фармони шоҳ,
Ҳамон низ Ҷайҳун миёнҷӣ ба роҳ.

Ба лашкар[2] яке мард буд, Шамр ном,
Хирадманду богавҳару ному[3] ком.

Мар ӯро ба Тӯронзамин[4] шоҳ кард,
Сари тахти ӯ афсари моҳ кард.

Чу Шамр аз бари[5] тахти симин[6] нишаст,
Камар бар миён басту букшод даст.

Ҳамон тоҷи заррин ба сар барниҳод,[7]
Ҳама шаҳри Тӯрон бад – ӯ гашт шод.

1. И – ҷаҳонҷӯй
2. И – Ба Тӯрон
3. И – Ҳунарманду бодонишу рою
4. И – Тӯрон, Чин
5. И – пайи
6. И – заррин
7. И – б. 1559 нест.

www.sattor.com

НОМАИ БАҲРОМИ ГӮР НАЗДИ БАРОДАРАШ НАРСӢ ВА ЭРОНИЁН

Чу шуд кори Тӯронзамин сохта,
Дили шоҳ аз андеша пардохта,[1]

Ба Нарсӣ яке нома бинвишт шоҳ
Зи пайкори туркону кори сипоҳ.[2]

Сари нома буд офарини меҳон
Аз ин банда бар Кирдгори ҷаҳон.

«Худованди пирӯзиву дастгоҳ,
Худованди кайвону Баҳрому моҳ,[3]

Бузургиву хурдӣ ба паймони ӯст,
Ҳама буданӣ зери фармони ӯст.

Набиштам яке[4] нома аз марзи Чин
Ба назди[5] бародар, ба Эронзамин.

Ба назди бузургони эрониён
Нибиштам ҳамин нома бар парниён,

Ҳар он кас, ки ӯ разми хоқон надид,
Аз ин ҷангҷӯён[6] бибояд шунид.

Сипаҳ буд чандон, ки гуфтӣ сипеҳр
Зи гардаш ба қир андаролуд[7] чеҳр.

Ҳама марз шуд ҳамчу дарёи хун,
Сари тахти[8] бедодгар шуд нагун.

Ба разм андарун ӯ гирифтор шуд,
К – аз[9] ӯ чархи гарданда безор шуд.

---

1. ТПЗИ – Бифармуд, то пеши ӯ шуд дабир,
   Қалам хост бо мушку чинӣ ҳарир.
2. И – б. 1561 нест.
3. ТПЗИЛ – Худованди гардандачархи баланд.
   Худованди арманда хоки нажанд.
4. И – ман ин
5. И – пеши
6. И – он рамзҷӯён
7. И – оварда
8. Л – бахти
9. И – б. 1569, 1570 нест.

www.sattor.com

Кунун баста овардамаш бар ҳаюн,
Ҷигар хаставу дидагон пур зи хун.

Ҳама гардани саркашон гашт нарм,
Забон чарбу дилҳо пур аз хуни гарм.

Пазируфт бож, он ки бадхоҳ буд,
Ба роҳ омаданд, он ки бероҳ буд.

Кунун аз паси нома ман бо сипоҳ
Биёям ба коми дили некхоҳ».

Ҳаюнони кафафкану бодпой,
Бирафтанд чун боди ғуррон зи ҷой,

Чу нома ба[1] наздики Нарсӣ расид,
Зи шодӣ дили подшо[2] бардамид.

Бишуд мӯбади мӯбадон пеши ӯй,
Ҳар он кас, ки буд аз гавон хеши ӯй.

Ба шодӣ баромад зи Эрон[3] хурӯш,
Ниҳоданд ҳар кас ба овоз гӯш.[4]

Дили номдорон зи ташвири шоҳ
Ҳаме буд печон зи баҳри гуноҳ.

Ба пӯзиш ба наздики мӯбад шуданд,
Ҳама роҳҷӯёну бихрад шуданд,[5]

Ки «Андешаи кажжу фармони дев
Бибаррад дил аз роҳи кайҳонхидев.

Бад-он моя лашкар, ки бурдӣ гумон,
Ки Яздон кушояд дари осмон,

Шигифтист ин, к-аз[6] гумон бугзарад,
Ҳам аз роҳи донову[7] марди хирад.

1. ИЛ – он нома
2. И – номвар
3. И – айвон
4. И – Бари паҳлавонони бедорҳуш.
5. И – б. 1580 нест.
6. Л – гар
7. ИЛ – ройдонанда

www.sattor.com

Чу посух кунӣ нома аз[1] хубу зишт,
Ҳамин пӯзиши мо бибояд навишт.

В-агарчанд рафт аз бузургон гуноҳ,
Бубахшад, магар номбардор шоҳ».

Пазируфт Нарсӣ, ки эдун кунам,
Ки кин аз дили шоҳ берун кунам.

Пас[2] он номаро зуд посух навишт,
Падидор кард андар ӯ хубу зишт,[3]

Ки эрониён аз пайи дарду ранҷ,
Ҳамон аз пайи буму фарзанду ганҷ

Гирифтанд хоқони Чинро паноҳ
Ба навмедӣ аз номбардор шоҳ.

На аз душманӣ буд, на аз ранҷи кин,
На бар шоҳ карданд[4] касро[5] гузин.

Кунун гар шаҳаншоҳи пирӯзашон
Бибахшад гунаҳ тирашаб, рӯзашон.

Бад-ин пӯзиш акнун маро некхоҳ,
Гузиданду гуфтанд: «Моро бихоҳ».[6]

Яке мӯбаде номи ӯ Бурзмеҳр,
Бар он рафтани роҳ[7] букшод чеҳр.

Биёмад ба наздики шоҳи ҷаҳон,
Ҳама розҳо[8] баркушод аз ниҳон.

Зи гуфтори ӯ шоҳ хушнуд гашт,
Чунон оташи тез бедуд гашт.

1. Л – посух шавад нома бар
2. И – Мар
3. Л – б. 1587 – 1589 нест.
4. Л – будӣ
5. И – касеро
6. ИЛ – б. 1591, 1952 нест.
7. Л – шод
8. Л – пардаҳо

www.sattor.com

Чағониву хатливу балхӣ радон,
Бухориву аз ғарчагон мӯбадон

Бирафтанд бо божу барсам ба даст,
Ниёишкунон пеши оташпараст.

Ҳамон низ ҳар сол бо божу сов
Ба даргаҳ шудӣ, ҳар кӣ буди-ш тов.

БОЗГАШТАНИ БАҲРОМИ ГӮР
БА ЭРОНЗАМИН

Чу шуд сохта кори оташкада,
Ҳамон ҷойи Наврӯзу ҷашни Сада,

Биёмад сӯи Озарободагон
Худу номдорону озодагон,

Парастишкунон пеши озар[1] шуданд,
Ҳама мӯбадон даст бар бар[2] шуданд.

Парастандагонро бубахшид чиз,
В-аз оташкада рӯй бинҳод низ.

Хиромон биёмад[3] ба шаҳри Ситахр.
Ки шоҳаншаҳонро бад-он буд фахр.[4]

Пароканда аз чарми говони меш,
Ки бар пушти пилон ҳаме[5] бурд пеш,

Ҳазору саду шаст қинтор буд,
Дирам буду ҳам ганҷи[6] динор буд.

Ки бар паҳлавӣ мӯбади порсӣ
Ҳаме ном бурдиш «пайдовасӣ».

1. И – даст бар сар
2. И – пеши озар
3. И – Биёмад гурозон
4. И – озодагонро бад-ӯ
5. Л – ҳамеронд
6. И – буд ҳам сурх

www.sattor.com

Биёвард пас машкҳои адим,
Бигустурду[1] шодон бар ӯ рехт сим.

Ба раҳ-бар ҳар он пул, ки вайрон бидид,
Работе, ки аз кордонон шунид,

Бифармуд обод кардан зи ганҷ,
Ба кас-бар аз он кор нанҳод ранҷ.[2]

Зи гетӣ дигар ҳар кӣ дарвеш буд,
В-агар нонаш[3] аз кӯшиши хеш буд,

Бад-эшон бубахшид чанде дирам,
Зи бахшиш набуд шоҳ рӯзе дижам.

Се дигар, ба каппон бисанҷид сим,
Зани беваву кӯдакони ятим.

Чаҳорум, ҳар он пир, к-аз коркард
Фурӯ монду аз рӯзи нангу набард.

Ба панҷум, ҳар он кас, ки буд бонажод,[4]
Тавонгар накардӣ аз ӯ ҳеҷ ёд.

Шашум, ҳар кӣ омад зи роҳи дароз,
Ҳаме дошт дарвешии хеш роз,

Ба эшон бубахшид як ганҷ шоҳ,
Ба некӣ ҳаме кард ҳар ҷо нигоҳ.[5]

Ғанимат ҳама баҳри лашкар ниҳод,
Наёмад-ш аз огандани[6] ганҷ ёд.

Бифармуд пас[7] тоҷи хоқони Чин,
Ки пеш оварад[8] мӯбади покдин,

1. Л – бигустурд
2. Л – б. 1609 нест.
3. И – ганҷаш
4. И – мар ӯро, ки буд аз нажод,
5. Л – б. 1616 нест.
6. И – Наёмад зи бинҳодани
7. И – то
8. И – Биёварду пас

www.sattor.com

Гуҳарҳо, ки буд андар ӯ ожада,[1]
Биканданду девори оташкада,

Ба зарру ба гавҳар биёростанд,
Сари тахти озар биперостанд.

В-аз он ҷойгаҳ шуд сӯи Тайсафун,
Ки Нарсӣ бад-ӯ буд бо[2] раҳнамун.

Пазира шудандаш ҳама меҳтарон,
Бузургони Эрону кундоварон.

Чу Нарсӣ бидид он сару тоҷи шоҳ,
Дирафши дилафрӯзу чандон сипоҳ,

Пиёда шуду бурд пешаш намоз,
Бузургону ҳам мӯбади сарфароз.

Бифармуд Баҳром, то барнишаст,
Гирифт он замон дасти ӯро[3] ба даст.

Биёмад, нишаст аз бари тахти зар,
Бузургон ба пеш-андарун бо гуҳар.[4]

Бубахшид ганҷе ба марди ниёз,
Дари тангзиндон кушоданд[5] боз.

Замона пур аз ромишу[6] дод шуд,
Дили ғамгинон[7] аз ғам озод шуд.

Зи ҳар кишваре ранҷи[8] ғам дур кард,
Зи баҳри бузургон яке сур кард.

Бад-он сур ҳар кас, ки биштофтанд,
Ҳама хилъати меҳтарӣ ёфтанд.

1. Л – озада;И – он озада,
2. ИЛ – буду мӯбаду
3. И – Ҳаме ронд дасташ гирифта
4. ИЛ – камар.
5. И – кушуданд
6. И – кӯшишу
7. И – мардумон
8. И – дарду: Л – ранҷу

www.sattor.com

АНДАРЗНОМА НАВИШТАНИ БАҲРОМИ ГӮР БА КОРДОРОНИ ХУД

Севум рӯз базми радон сохтанд,
Нависандаро[1] пеш биншохтанд.

Ба май хӯрдан-андар чу букшод чеҳр,
Яке нома бинвишт шодон ба меҳр.

Сари нома кард офарин аз нахуст
Бар он к-ӯ равонро[2] ба дониш бишуст.

Хирад бар дили хеш пироя кард,
Ба ранҷа тан аз мардумӣ моя[3] кард.

Ҳама некуиҳо зи Яздон шинохт,
Хирад ҷусту бо марди доно бисохт[4]

Бидонад, ки аз дод ҷуз некуӣ
Наёяд, накӯбад дари бадхуӣ.

«Ҳар он кас, ки аз кордорони ман,
Сарафрозу[5] ҷангӣ саворони ман

Бинолад, набинанд ҷуз чоҳу дор,
В-агар кушта афканда бар хок хор.

Бикӯшед, то ранҷҳо кам кунед,
Дили ғамгинон шоду беғам[6] кунед.

Ки гетӣ намонду намонад ба кас,
Беозориву дод ҷӯеду бас.

Бар ин гуфтаҳо-бар нишона манам,
Сари ростиро баҳона манам,

Ки чандон сипаҳ кард оҳанги ман,
Ҳам оҳанги ин номдор анҷуман.

---

1. Л – Нависанда дар; И – Набисандае
2. И – кас, ки ӯ дил
3. Л – поя
4. ТПМ – Зи дил кайфару бадхуйӣ дур кард,
   Хирадро ба ҳар кор дастур кард.
5. И – Хирадманду
6. Л – хуррам

www.sattor.com

Аз эдар бирафтам[1] ба андак сипоҳ,
Шуданд он ки бадхоҳ буд, некхоҳ.

Яке номдоре чу хоқони Чин,
Ҷаҳондори[2] ботоҷу тахту нигин,

Ба дасти ман-андар гирифтор шуд,
Сари тахти туркон нагунсор шуд,

Маро кард пирӯз Яздони пок,
Сари душманон андаромад ба хок.

Ба ҷуз[3] бандагӣ пешаи ман мабод,
Ҷуз аз дод[4] андешаи ман мабод.

Нахоҳам хироҷ аз[5] ҷаҳон ҳафт сол,
Агар зердасте бувад гар[6] ҳамол.

Ба ҳар кордореву худкомае,
Навиштем бар паҳлавӣ номае,

Ки «Бо зердастон ҷуз аз расми дод
Надоранду аз бад нагиранд ёд.

Ҳар он кас, ки дарвеш бошад ба шаҳр,
Ки аз рӯзи шодӣ наёбанд баҳр.

Фиристед наздики мо номашон,
Барорем аз он орзу комашон.

Дигар ҳар кӣ[7] бошанд марди нажод,
Ҳаме гирад[8] аз рафтани чиз ёд,

Ҳам аз ганҷи мо бениёзӣ диҳед,
Хирадмандро[9] сарфарозӣ диҳед.

1. И – Зи Эрон бирондам
2. И – Ҷаҳонҷӯйи
3. Л – Ҷуз аз ростӣ
4. И – Ба ҷуз рост
5. И – хироҷи
6. ИЛ – ё
7. И – он ки
8. И – Ки гиранд
9. И – Ҳунармандро

www.sattor.com

Касеро, ки вом асту дасташ тиҳист,
Ба ҳар ҷой беарҷу бефарраҳист,

Ҳам аз ганҷи мошон битӯзед вом,
Ба девонҳо барнависед ном.

Зи Яздон бихоҳед, то ҳамчунин
Дили мо бидорад ба оину дин.[1]

Бад-ин аҳди[2] мо шодмонӣ кунед,
Абар кеҳтарон меҳрбонӣ[3] кунед.

Ҳамон бандагонро мадоред хор,
Ки ҳастанд ҳам бандаи Кирдгор.

Касе, к-аш бувад мояву санги он,
Диҳад кӯдаконро ба фарҳангиён.

Ба дониш равонро тавонгар кунед,
Хирадро бад-ин бар сар афсар кунед.[4]

Зи чизи касон дур доред даст,
Беозор бошеду яздонпараст.

Бикӯшеду паймони[5] мо[6] машканед,
Паю бехи пайванди бад барканед.

Ба Яздон паноҳеду паймон[7] кунед,
Равонро ба меҳраш[8] гаравгон кунед.

Маҷӯед озори ҳамсоягон,
Бавижа бузургону пурмоягон.

Ҳар он кас, ки ночиз буд,[9] чиз гашт,
В-аз андозаи кеҳтарӣ баргузашт,

1. Л – б. 1655, 1657 нест.
2. И – В-аз ин меҳри
3. И – Ҳама бо хирад зиндагонӣ
4. И – б. 1660, 1661 нест.
5. И – гуфтори
6. Л – паймонҳо
7. И – гароеду фармон
8. И – хукмаш
9. И – Ҳар он носазое,

www.sattor.com

Бузургаш махонед, к-он бартарӣ
Сабук бозгардад сӯи камтарӣ.[1]

Зи дарвеш чизе мадоред боз,
Ҳар он кас, ки ҳаст аз шумо бениёз.

Ба покон гироеду некӣ кунед,
Дилу пушти хоҳандагон машканед.

Ҳар-он кор,[2] к-он дур гашт аз писанд,
Бад-он кор[3] наздик бошад газанд.[4]

Зи доранда[5] бар ҷони он кас дуруд,
Ки аз мардумӣ бошадаш тору пуд».

Чу[6] андар навиштанд рахшон ҳарир,
Сари хомаро[7] кард мушкин дабир.

Ба унвон-ш бар шоҳи гетӣ навишт
Дили доду донандаи хубу зишт.

Худованди бахшоишу фарру зӯр.
Шаҳаншоҳи бахшанда[8] Баҳроми Гӯр.

Сӯи марзбонону фармонбарон,
Хирадманду донову ҷангӣ сарон.

Ба ҳар сӯ наванду савору ҳаюн
Ҳаме рафт бо номаву раҳнамун.

Чу ин нома омад ба ҳар кишваре,
Ба ҳар номдореву[9] ҳар меҳтаре.

---

1. ТПЗ – Або* дод бошеду яздонпараст,
Бишуста зи бедоду кажжӣ ду даст.
* ки бо
2. Л – чиз; И – чиз
3. Л – чиз
4. И – Бари хеш онро махоҳед банд.
5. И – гӯянда
6. И – Пас
7. И – номаро
8. И – бедор
9. И – сарфарозеву

www.sattor.com

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки Яздон сипос,
Ки ҳаст ин ҷаҳондор яздоншинос.

Зану марду кӯдак ба ҳомун шуданд,
Ба ҳар кишвар аз хона[1] берун шуданд.

Ҳаме хонданд офарини ниҳон,
Бад-он додгар шаҳрёри ҷаҳон.

В-аз он пас ба хӯрдан биёростанд,
Маю руду ромишгарон хостанд.

Ба як ним аз рӯз хӯрдан будӣ,
Дигар нима з-ӯ кор кардан будӣ.

Ҳаме нав ба ҳар бомдоди пагоҳ,
Хурӯше будӣ пеши даргоҳи шоҳ,

Ки ҳар кас, ки дорад, хӯреду диҳед,
Сипосе ба хӯрдан ба мо барниҳед.

Касе к-аш ниёз аст, ояд ба ганҷ,
Ситонад зи ганҷе дирам сахта панҷ.

Се ман бодаи тофта солх(в)ард,
Ба ранги гули нор ё зарри зард.

Ҷаҳоне ба ромиш ниҳоданд рӯй,
Пур овози майхора шуд шаҳру кӯй.

Чунон шуд, ки аз беди сурхафсаре,
Ду динор мехостандӣ саре.

Яке шохи наргис баҳо як[2] дирам,
Харидӣ, касе з-он нагаштӣ дижам.

Зи шодӣ ҷавон шуд дили марди пир,
Ба чашма-дарун обҳо гашт шир.

Ҷаҳонҷӯй кард аз ҷаҳондор ёд,
Ки яксар ҷаҳон дид аз он гуна шод.

1. И – шаҳр
2. Л – ба чандин

www.sattor.com

ФИРИСТОДАНИ БАҲРОМИ ГӮР БАРОДАРИ ХУД НАРСИРО БА ХУРОСОН ВА ХОНДАН ПЕШИ ТАХТИ ХЕШ ФИРИСТОДАИ ҚАЙСАРРО

Ба Нарсӣ чунин гуфт як рӯз шоҳ,
К-«Аз эдар бирав бо нигину кулоҳ.

Хуросон туро додам, обод кун,
Дили зердастони мо шод кун.[1]

Нигар, то набошӣ ҷуз аз додгар,
Маёвез ҷанг андар ин раҳгузар.

Падар гар бадӣ кард, печид аз он,[2]
Чу марди[3] бараҳна зи боди хазон».

Бифармуд, то хилъаташ сохтанд,
Гаронмоя ганҷе бипардохтанд.

Бад-ӯ гуфт: «Яздон паноҳи ту бод,
Сари тахти хуршед[4] гоҳи ту бод».

Ба рафтан ду ҳафта диранг омадаш,
Таносон Хуросон[5] ба ҷанг омадаш.

Чу Нарсӣ бишуд, ҳафтае баргузашт,
Дили шоҳ аз андеша пардахта гашт.

Бифармуд, то мӯбади мӯбадон
Бирафту биёвард чанде[6] радон.

Бад-ӯ гуфт: «Шуд кори Қайсар дароз,
Расулаш ҳаме дер ёбад ҷавоз.

Чӣ мард асту андар хирад то куҷост,
Ки дорад равон аз хирад пушт рост?»

Бад-ӯ гуфт мӯбад, к-анӯша бадӣ
Ҷаҳондор бо фарраи эзадӣ.

1. И – б. 1692, 1693 нест.
2. И – гунаҳ кард, печид з-он,
3. И – шоҳи
4. И – рахшанда
5. И – Хуросон таносон
6. И – яксар

www.sattor.com

Яке марди пир аст борою шарм,
Сухан гуфтанаш[1] хубу овоз[2] нарм.

Касе, к-аш Фалотун будаст устод,
Хирадманду бодонишу бонажод.

Яке пурманиш буд, к-омад зи Рум,
Кунун хира гашт андар ин марзу бум.

Бипажмурд чун мор дар моҳи дай,
Танаш сусту рухсора ҳамранги най.

Ҳама кеҳтаронаш ба кирдори меш,
Ки рӯзи шикораш саг ояд ба пеш.

Ба кундиву тундӣ[3] ба мо бингарад,
Аз ин марз[4] касро ба кас нашмарад».

Ба мӯбад чунин гуфт Баҳроми Гӯр,
Ки Яздон диҳад фарру дайҳиму зӯр.

Маро гар ҷаҳондор пирӯз кард,
Шаби тира бар бахти ман[5] рӯз кард.

Ҳамон кас, ки ҳаст ӯ шаҳаншоҳи Рум,
Худованду фармондеҳи марзу бум,

Бузург асту аз Салм дорад нажод,
Ки тоҷаш Фаридун ба сар барниҳод.

Кунун[6] мардумӣ карду фарзонагӣ,
Чу хоқон наёмад[7] ба девонагӣ.

Варо пеш хонем ҳангоми бор,
Сухан то чӣ гӯяд, ки ояд ба кор.

Аз он пас ба хубӣ фиристам-ш боз,
Зи мардум наям дар ҷаҳон бениёз.

1. И – гуфтани
2. ИЛ – овои
3. И – Зи мардиву гурдӣ
4. И – бум
5. И – маро
6. И – Ҳамон
7. и – биёмад

www.sattor.com

Яке разм ҷӯяд, сипоҳ оварад,
Яке[1] базму зарринкулоҳ оварад.[2]

Маро арҷи ин з-он бибояд шинохт,
Хунук[3] он ки бо номдорон бисохт.

Бад-ӯ офарин кард мӯбад ба меҳр,
Ки «Шодон бизӣ, то бигардад[4] сипеҳр,

Нагӯяд забонат ҷуз аз беҳтарӣ,
Ки бодот бар меҳтарон меҳтарӣ».

САВОЛУ ҶАВОБИ ФИРИСТОДАИ РУМӢ БО МӮБАДОНИ ЭРОН

Дигар рӯз чун тоҷ бинмуд меҳр,
Забона баромад зи ҳамми сипеҳр,[5]

Сипаҳбад фиристодаро пеш хонд,
Бари номвар тахти оҷаш[6] нишонд.[7]

Биёмад ҷаҳондида донои пир,
Сухангӯву бодонишу ёдгир.

Ба каш карда дасту сар афканда паст,
Бари тахти шоҳӣ[8] ба зону нишаст.

Бипурсид Баҳрому бинвохташ,
Бари тахт наздик[9] биншохташ.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эдар бимондӣ ту дер,
Зи дидори ин марз ногашта[10] сер.

---

1. Л – Дигар
2. И – б. 1717 нест.
3. Л – Бузург
4. И – «Аз ҷони ту шод бодо
5. ИЛ – б. 1721, 1722 нест.
6. И – Бар он номбар боргоҳаш
7. Л – Пас аз б. 1723 ин б. омада:
   Чу бишнид бедоршоҳи ҷаҳон,
   Фиристодаро хонд пеши меҳон.
8. И – Хусрав
9. Л – тахти пирӯза; И – тахти пирӯз
10. марзбон гашта

www.sattor.com

Маро разми хоқон зи ту боздошт,
Ба гетӣ маро ҳамчу анбоз дошт.

Кунун рӯзгорам зи ту[1] тоза гашт,
Туро будан эдар беандоза гашт.

Сухан ҳарчи гӯӣ ту, посух диҳам,
Зи овози ту ройи фаррух ниҳам.

Фиристодаи пир кард[2] офарин,
Ки бе ту мабодо замону замин.

Ҳаме[3] подшоҳе, ки дорад хирад,
Зи гуфти хирадманд ромиш барад,

Ба Яздон хирадманд наздиктар,
Бадандешро рӯз ториктар.

Ту бар меҳтарони ҷаҳон меҳтарӣ,[4]
Ки ҳам меҳтару шоҳу ҳам беҳтарӣ.

Забонат тарозуст, гуфтан[5] гуҳар,
Гуҳар сахта ҳаргиз набинад ба зар.

Туро донишу ҳушу рой асту фар
Бар оини шоҳони пирӯзгар.

Туро худ хирад ҳасту покиза рой,
Абар ҳушмандон туӣ кадхудой.[6]

Агарчи фиристодаи Қайсарам,
Ҳамон[7] чокари шоҳро чокарам.

Дуруде расонам зи Қайсар ба шоҳ
Ки ҷовид бод ин сару тоҷу гоҳ.

Ва дигар, ки фармуд, то ҳафт чиз
Бипурсам зи донандагони ту низ».

---

1. Л – кори мо ҷумлагӣ
2. И – Фиристода бар вай гирифт
3. ИЛ – Ҳар он
4. И – Ки ҳам шаҳрёриву ҳам сарварӣ.
5. Л – дониш
6. И – б.1734 – 1736 нест.
7. И – Ба ҷон

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Ин суханҳо бигӯй,
Сухангӯйро бештар обрӯй».

Бифармуд, то мӯбади мӯбадон
Бишуд пеш[1] бо номвар бихрадон.

Лаби шоҳ аз овози пурсанда мард
Замоне ҳаме буд бо боди сард,

Ки то чист андар ниҳон ҳафт чиз,
Ки румӣ бипурсид хоҳад ба низ?

Бишуд мӯбаду ҳар кӣ доно буданд,
Ба ҳар донише-бар тавоно буданд.

Сухангӯй букшод банд аз нуҳуфт,
Суханҳои Қайсар ба мӯбад бигуфт.

Ба мӯбад чунин гуфт, к-«Эй раҳнамун,
Чӣ чиз он ки хонӣ ҳамеш андарун?

Дигар он ки берун-ш хонӣ ҳаме,
Ҷуз ин чиз номаш надонӣ ҳаме?

Забар чист, эй меҳтару зер чист,
Ҳамон[2] бекарон чизу ҳам хор кист?

Чӣ чиз он ки номаш фаровон бувад,
Мар ӯро ба ҳар ҷой фармон бувад?»

Чунин гуфт мӯбад ба фарзонамард,
Ки «Маштоб в-аз роҳи дониш магард».

Пас он гаҳ бад-ӯ гуфт,к-«Эй ҳушёр
Ҷавоби сухан сар ба сар гӯш дор;

Мар инро, ки гуфтӣ ту, посух якест,
Сухан дар буруну дарун андакест.

Бурун осмон, андарунаш ҳавост,
Забар фарри Яздони фармонравост.

1. И – шод
2. ИЛ – Ҳамин

www.sattor.com

Ҳаме бекарон аз ҷаҳон Эзад аст,
К-аз ӯ тоб гирӣ ба дониш,[1] бад аст.

Забар чун биҳишт асту дӯзах ба зер,
Бад онро, ки бошад ба Яздон далер.

Дигар он ки бисёр номаш бувад,
Раванда ба ҳар ҷой комаш бувад,

Хирад дорад, эй пир, бисёр ном,
Расонад хирад порсоро[2] ба ком.

Яке меҳр хонад-шу[3] дигар вафо,
Хирад дур шуд, монд дарду[4] ҷафо.

Забоноваре ростӣ хонадаш,
Баландахтаре зиракӣ донадаш.

Гаҳе бурдбору гаҳе роздор,
Ки бошад сухан назди ӯ устувор.

Пароканда ин аст номи хирад,
Аз андозаҳо номи ӯ бугзарад.

Ту чизе мадон, к-аз хирад бартар[5] аст,
Хирад бар ҳама некуиҳо сар аст.

Хирад ҷӯяд оганда рози ҷаҳон,
Ки чашми сари мо набинад ниҳон.

Дигар он ки дорад хирадманд хор
Ба ҳар дониш аз кардаи Кирдгор,

Ситора-ст рахшон зи чархи баланд,
Ки бино шумораш нагӯяд, ки чанд.

Баландосмонро ки фарсанг нест,
Касеро бад-ӯ[6] роҳи оҳанг нест.

1. И – Ки ӯро ба дониш надонӣ,
2. И – подшоро
3. Л – хонад-ш,
4. Л – дард монду
5. И – беҳтар
6. Л – Ба сар андар ӯ

www.sattor.com

Ҳаме хор гирӣ шумори варо,
Ҳамон[1] гардиши рӯзгори варо.

Касе, к-ӯ бубинад зи партоби тир,
Намонад шигифт андар ӯ тезвир.

Ситора ҳаме бишмарӣ з-осмон,
Аз ин хортар чист, эй кордон?[2]

Ман ин донам, ар ҳаст посух ҷуз ин,
Фарох аст рози ҷаҳонофарин».

Сухандони Қайсар[3] чу посух шунид,
Заминро бибӯсиду фармон гузид.[4]

Ба Баҳром гуфт: «Эй ҷаҳондор шоҳ,
Зи Яздон бар ин-бар фузунӣ махоҳ,

Ки гетӣ саросар ба фармони туст,
Сари саркашон зери паймони туст.

Писандӣ бузургони фаррухнажод,
Надорад ҷаҳон ҷуз ту шоҳе ба ёд.

Ҳамон низ дастурат[5] аз мӯбадон
Ба дониш фузун аст аз бихрадон.

Ҳама файласуфон варо бандаанд,
Ба донои вай[6] сар афкандаанд».

Чу Баҳром бишнид, шодӣ намуд,
Ба дил-ш[7]-андарун равшаноӣ фузуд.

Ба мӯбад дирам дод даҳ бадра низ,
Ҳам аз ҷомаву аспу бисёр чиз.[8]

---

1. И – Ҳама
2. ИЛ – шодмон?
3. И – Сухангӯи румӣ
4. И – Бар он номдор офарин густарид.
5. И – пирдастур
6. И – ӯ
7. И – дил-
8. ТПЗ – Бифармуд, то хилъат оростанд,
   Зи ганҷ он ки пурмоятар, хостанд.

www.sattor.com

Фиристодаи Қайсари номдор
Сӯи хона рафт аз дари[1] шаҳрёр.

ПАДРУД КАРДАНИ БАҲРОМИ ГӮР ФИРИСТОДАИ ҚАЙСАРРО

Чу хуршед бар чарх бинмуд даст,
Шаҳаншоҳ бар тахти заррин нишаст[2].

Фиристодаи Қайсар омад ба дар,
Хирадёфта мӯбади пурҳунар.

Ба пеши шаҳаншоҳ рафтанд шод,
Суханҳо зи ҳар гуна карданд ёд.

Фиристодаро мӯбади шоҳ гуфт,
Ки «эй марди ҳушёри беёру[3] ҷуфт,

Зи[4] гетӣ зиёнкортар кор чист,
Ки бар кардаи он бибояд гирист?

Чӣ донӣ ту андар ҷаҳон судманд,
Ки аз карданаш мард гардад баланд?»

Фиристода гуфт: «Он ки доно бувад,
Ҳамеша бузургу тавоно бувад.

Тани марди нодон зи гил хортар,
Ба ҳар некувӣ[5] носазовортар.

Зи донову нодон задӣ достон,
Шунидӣ магар посухи ростон».

Бад-ӯ гуфт мӯбад, ки «Некӯ нигар,
Биандешу моҳӣ ба хушкӣ мабар».

Фиристода гуфт: «Эй писандида мард,
Суханҳо зи дониш[6] тавон ёд кард.

1. И – бари
2. И – б. 1780 нест.
3. И – бо донишу рой
4. Л – Ба
5. ИЛ – некие
6. Л – Суханҳои доно

www.sattor.com

Ту ин гар дигаргуна донӣ, бигӯй,[1]
Ки аз дониш афзун шавад обрӯй».

Бад-ӯ гуфт мӯбад, ки «Андеша кун,
К-аз андеша бофарр(у) гардад сухун.

Зи[2] гетӣ ҳар он, к-ӯ беозортар,
Чунон дон, ки маргаш зиёнкортар,

Ба марги бадон шод бошӣ, равост,
Чу зояд, тани марди бад[3] маргрост.

Аз ин судмандӣ бувад, з-он зиён,
Хирадро миёнҷӣ кун андар миён».

Чу бишнид румӣ, писанд омадаш,
Суханҳои ӯ судманд омадаш.

Бихандиду бар шоҳ кард офарин,
Бад-ӯ гуфт: «Фархунда Эронзамин,

Ки тахти шаҳаншоҳ бинад ҳаме,
Чу Баҳром бар вай нишинад[4] ҳаме.

Ба дониш ҷаҳонро баландафсарӣ[5]
Ба мӯбад зи ҳар меҳтаре меҳтарӣ,[6]

Агар бож хоҳӣ зи Қайсар, равост,[7]
Ки дастури ту бар хирад[8] подшост»

Зи гуфтори ӯ шод шуд шаҳрёр,
Дилаш тоза шуд чун гул андар баҳор.

Бурун шуд фиристода аз пеши шоҳ,
Шаб омад, баромад дирафши сиёҳ.[9]

1. Л – дорӣ,
2. Л – Ба
3. И – Агарчи тани мо ҳама
4. Л – мӯбад бар ӯ барнишинад
5. И – ки марди ҷаҳондори боафсарӣ.
6. Л – бартарӣ; И – хусравве бартарӣ.
7. И – сазост; Л – гирӣ зи Қайсар, сазост.
8. Л – дар ҷаҳон
9. и – б. 1802 нест.

www.sattor.com

Падид омад он чодари мушкбӯй,
Ба анбар биёлуд хуршед рӯй.

Шикебо набуд гунбади тезгард,
Сари хуфта аз хоб бедор кард.

Дирафше бизад чашмаи офтоб,
Сари шоҳи гетӣ даромад[1] зи хоб.

Дари бор букшод солори бор,
Нишаст аз бари тахти зар шаҳрёр.

Бифармуд, то хилъат оростанд,
Фиристодаро пеши ӯ хостанд.[2]

Зи симину заррину аспу ситом,
Зи динор ганҷе, ки бурданд ном.[3]

Зи дебову[4] гавҳар, зи мушку абир
Фузун буд[5] аз андешаи марди пир.

СУХАН ГУФТАНИ БАҲРОМ ВА САРДОРОН АЗ ДОД

Чу аз кори румӣ бипардохт шоҳ,
Дилаш гашт печон зи кори сипоҳ.[6]

Бифармуд, то мӯбади ройзан,
Бишуд бо яке номдор анҷуман.

Бубахшид рӯи замин сар ба сар
Бар он паҳлавонони пархошхар.

Дирам доду аспу нигину[7] кулоҳ,
Гаронмояро кишвару тоҷу[8] гоҳ.

1. Л – сабук шуд
2. И – б. 1807 нест.
3. И – Зи шамшери ҳиндиву заррин ниём, Л –Зи болои номиву зарринситом
4. Л – динору
5. л – гашт
6. И – Фиристодаро дод бедоршоҳ,
   Бипардахт аз он пас ба кори сипоҳ.
7. И – динору аспу
8. и – ганҷу

www.sattor.com

Пур аз ростӣ кард яксар ҷаҳон,
Аз ӯ[1] шодмона кеҳону меҳон.[2]

Ҳар он кас ки бедод буд, дур кард
Ба нододани чизу гуфтори сард.

В-аз он пас чунин гуфт бо мӯбадон,
Ки «Эй пурҳунар покдил бихрадон.

Меҳонро зи ҳар гуна доред ёд,
Зи кирдори шоҳони бедоду дод,

Басе дасти шоҳон ба бадҳо дароз,[3]
Ниҳон монда таншон ба[4] орому ноз.

Ҷаҳон аз бадандеш пурбим[5] буд,
Дили некмардон ба ду ним буд.

Ҳама даст бурда ба кори бадӣ,
Касеро набуд кӯшиши эзадӣ.[6]

Ба ҳар ҷой густурда ҷангол дев,
Бурида дил аз тарси кайҳонхидев.

Сари[7] некуиҳову дасти бадӣ,
Дари донишу кӯшиши бихрадӣ.[8]

Ҳама пок дар гардани подшост,
В-аз ӯ низ пайдо шавад кажжу рост,

Падар гар ба бедод ёзид даст,
Набуд поку донову яздонпараст,

1. Л – В-аз ӯ
2. И – меҳону кеҳон.
3. Л – зи бедору оз,
4. Л – Тиҳӣ монду ҳам тан зи
5. ИЛ – дар бим
6. ТПИЛМ – Ҳама роҳи девон гирифта ба даст,
Дилу ҷони мардум зи андоза паст.
Набуд бар зану бачча кас подшо,
Пур аз ғам дили мардуми порсо*.

* ИЛ – Танҳо б. 2 мавҷуд аст.
7. Л – Ҳама
8. Л – эзидӣ; И – кӯшишу дониши эзадӣ.

www.sattor.com

Мадоред кирдори ӯ бас шигифт,
Ки равшан дилаш занги оҳан гирифт.

Бубинед, то Ҷамму Ковусшоҳ
Чӣ карданд, к-аз дев ҷустанд роҳ?!

Падар ҳамчунон роҳи эшон биҷуст,
Ба оби хирад ҷони тира нашуст.

Ҳама зердастон-ш печон шуданд,
Фаровон зи тундиш беҷон шуданд.

Кунун рафту з-ӯ[1] номи бад монду[2] бас,
Ҳаме офарине наёбад зи кас.

Зи мо бод бар ҷони ӯ офарин,
Мабодо, ки печад равонаш зи кин.

Кунун мо[3] нишастем бар гоҳи ӯ,[4]
Ба мину кашад бегумон роҳи ӯ.[5]

Ҳамехоҳам аз Кирдгори ҷаҳон,
Ки нерӯ диҳад ошкору ниҳон,

Ки бо зердастон мудоро кунем,
Зи хоки сияҳ мушки соро кунем,

Ки бо хок чун ҷуфт гардад[6] танам,
Нагирад ситамдидае доманам.

Шумо ҳамчунин чодари[7] ростӣ
Бипӯшед шуста дил[8] аз костӣ,

Ки ҷуз маргро кас зи модар назод
Зи деҳқону тозиву руминажод.[9]

1. Л – рафт, аз ӯ
2. И – рафт ӯ номи бад монд,
3. И – чун
4. Л – то нишастем абар гоҳи ӯй,
5. Л – ӯй.
6. Л – гирад
7. И – ҳамчунон домани
8. И - Бигиреду печед
9. И – мӯбаднажод.

www.sattor.com

Ба кирдори шер аст оҳанги ӯ,[1]
Напечад касе гардан аз чанги ӯ.[2]

Ҳамин шери даррандаро бишкарад,
Зи домаш тани аждаҳо нагзарад.

Куҷо он сари[3] тоҷи шоҳаншаҳон,
Куҷо он бузургону фаррухмеҳон?!

Куҷо он саворону гарданкашон,
К-аз эшон набинам ба гетӣ нишон?!

Куҷо он паричеҳрагони ҷаҳон,
К-аз эшон будӣ шод ҷони меҳон.[4]?!

Ҳар он кас, ки рух зери чодар нуҳуфт,
Чунон дон, ки бо хок гаштаст ҷуфт.

Ҳама дасти покиву некӣ барем,
Ҷаҳонро ба кирдори[5] бад наспарем[6].

Ба Яздони доранда, к-ӯ дод фар,
Ба тоҷу ба тахту нажоду гуҳар,

Ки гар кордоре ба як мушт хок,
Зиён ҷӯяд андар баланду мағок.

Агар на бисӯзам[7] ба оташ танаш,
Кунам бар сари дор-бар гарданаш.[8]

В-агар баргузашта зи шаб чанд пос,
Бидуздад зи дарвеш дузде палос,

Ба товон-ш динор бахшам зи ганҷ,
Бишӯям дили ғамгусорон зи ранҷ.[9]

---

1. Л – ӯй,
2. Л – ӯй.
3. ИЛ – сару
4. И – б. 1841 нест.
5. Л – фармони
6. И – б. 1843 нест.
7. И – бисӯзам ҳамон гаҳ.
8. И – пироҳанаш.
9. И – б. 1847, 1848 нест.

www.sattor.com

В-агар гӯспанде баранд аз рама,
Ба тирашабу рӯзгори дама,

Яке аспи пурмоя товон диҳам,
Мабодо, ки бар вай сипосе ниҳам.

Чу бо душманам корзоре бувад,
В-аз он захм[1] хаста саворе бувад,

Фиристам-ш яксола ганҷе дирам,
Надорем фарзанди ӯро дижам.

Зи додор доред яксар сипос,
Ки ӯяст ҷовид некишинос.

Ба обу ба оташ маёзед[2] даст,
Магар ҳирбад марди оташпараст.[3]

Марезед ҳам хуни говони варз,[4]
Ки нанге бувад[5] гов куштан ба марз.

Зи пирӣ магар гов бекор гашт,
Ба чашми худованди худ хор гашт.

Набояд дигар[6] кушт гови раҳӣ,
Ки аз марз берун шавад[7] фарраҳӣ.

Ҳама рой бо марди доно занед,
Дили мардумони ҷавон[8] машканед.

Ба пирӣ ба мастӣ маёзед даст,
На некӯ бувад пири бодапараст.[9]

Аз андешаи дев бошед дур,
Гаҳи ҷанги душман маҷӯед сур.

---

1. Л – чанг; И – разм
2. И – Маёзед чира ба оташ ду
3. И – донопараст.
4. И – арз,
5. И – нанг аст аз
6. Л – зи бун; И – Бибояд ҳамон
7. И – барад
8. ИЛ – кӯдаки бепадар
9. ИЛ – б. 1859 нест.

www.sattor.com

Агар хоҳам аз зердастон хироҷ,
Зи доранда безораму тахти оҷ.

Агар бадкуниш буд падар Яздгирд,
Ба подоши ӯ[1] дод кардем гирд.

Бубахшад магар Кирдгораш гуноҳ,
Зи дӯзах ба мину намояд-ш роҳ.[2]

Гунаҳкори Яздон мабошед ҳеч,
Ба[3] пирӣ беҳ ояд[4] ба рафтан басеч.[5]

Чу хушнуд гардад зи мо додгар,
Ғами ҳастии рӯзи фардо мах(в)ар.

Ҳама дил зи кирдори мо[6] х(в)аш кунед,
Ба озодӣ оҳанги оташ кунед».[7]

Ҳама номдорон чу гуфтори шоҳ
Шуниданд, карданд некӯ нигоҳ.

Ҳама дида карданд яксар пуроб
Аз он шоҳи пурдонишу зудёб.

Хурӯшон бар ӯ офарин хонданд,
Варо подшоҳи замин хонданд.

НАВИШТАНИ БАҲРОМИ ГӮР НОМА БА НАЗДИКИ ШАНГУЛ ШОҲИ ҲИНД

Вазири хирадманд бар пой хост,
Чунин гуфт, к-«Эй довари додрост,

1. ИЛ – он
2. ТПЗЛ – Касе, к-ӯ ҷавон аст, шодӣ кунед,
   Дили зердастони худ* машканед.
   * Л – мардумони ҷавон
3. Л – Чу
4. Л – дарояд
5. Л – бисеч.
6. Л – ӯ; И – гуфтори ӯ
7. И – б. 1864 – 1866 нест;
   ТПЗЛ – Дили зердастони мо шод бод,
   Сари саркашон аз ғам обод* бод.
   * Л - озод

www.sattor.com

Ҷаҳон аз бадандеш бебим гашт,
В-аз ин марзи мо ранҷу сахтӣ гузашт.

Магар номвар Шангули[1] ҳиндувон,
Ки аз дод печида дорад равон,

Зи Ҳиндустон то дари марзи Чин
Зи дуздон пурошӯб[2] дорад замин,

Ба Эрон ҳаме даст ёзад ба бад,
Бад-ин кор тимор дорӣ, сазад.

Ту шоҳиву Шангул нигаҳбони Ҳинд,
Чаро бож хоҳад зи Чину зи Синд?

Бияндешу ин корро[3] бозҷӯй,
Набояд, ки нохубӣ ояд ба рӯй».

Чу бишнид шоҳ ин, пурандеша гашт,[4]
Ҷаҳон пеши ӯ чун яке беша гашт.[5]

Чунин гуфт, к-«Ин кор ман дар ниҳон
Бисозам, нагӯям ба кас дар ҷаҳон.

Ба танҳо бубинам сипоҳи варо,
Ҳам оину[6] шоҳиву гоҳи варо.

Шавам пеши ӯ чун фиристодагон,
Нагӯям ба Эрон, ба озодагон,

Ба Шангул, ту эй мӯбади покдин,
Яке нома бинвис пурмеҳру кин.[7]

Бишуд покдастури ӯ бо[8] дабир,
Ҷуз ӯ низ ҳар кас, ки буд ногузир.[9]

---

1. ИЛ – Шангул аз
2. И – дуздӣ барошӯб
3. Л – Барандешу тадбири ин
4. Л – шуд; И – хусрав бар андеша шуд,
5. ИЛ – шуд.
6. Л – Ҳамон то зи; Л – Ҳамон расми
7. ИЛ – б. 1881 нест.
8. Л – покдастур бо ӯ
9. И – Бирафтанд дастур фаррухвазир.
Ҳамон кас, ки бар доду донишпазир.

www.sattor.com

Бигуфтанд ҳар гунае[1] бешу кам,
Бибурданд қиртосу мушку қалам.

Яке нома фармуд пурпанду рой,
Пур аз хубиву[2] офарини Худой.

Сари нома кард аз нахуст офарин
Зи Яздон бар он кас, ки ҷуст офарин.

«Худованди ҳасту Худованди нест,
Ҳама чиз ҷуфт асту Эзад якест.

Зи чизе куҷо ӯ диҳад бандаро,
Парастандаву тоҷдорандаро

Фузун аз хирад нест андар ҷаҳон,
Фурӯзандаи кеҳтарону меҳон,

Ҳар он кас, ки ӯ шод шуд[3] аз хирад,
Ҷаҳонро ба кирдори бад наспарад.[4]

Пушаймон нашуд, ҳар кӣ некӣ гузид,
Ки бад з-оби дониш наёрад мазид,

Раҳонад хирадмандро[5] аз бало,
Мабодо касе бар бало мубтало.

Нахустин нишони хирад он бувад,
Ки аз бад ҳамасола тарсон бувад.

Бидонад тани хешро дар ниҳон,
Ба чашми хирад ҷуст бояд ҷаҳон.

Хирад афсари шаҳрёрон бувад,
Ҳамон зевари номдорон бувад,[6]

1. ИЛ – ҳар гуна аз
2. ИЛ – донишу
3. Ил – гашт
4. И – бистурад.
5. И – Ки дониш раҳонд туро
6. ТПИЛ – Бидонад баду нек марди хирад,
Бикӯшад зи* доду** бипечад зи бад.
* Л – ба ** И – ба некӯ

www.sattor.com

Ту андозаи худ надонӣ ҳаме,
Равонро ба хун дарнишонӣ ҳаме.

Агар тоҷдори замона манам,
Ба хубиву зиштӣ баҳона манам.

Ту шоҳӣ кунӣ, кам[1] бувад ростӣ,
Падид ояд аз ҳар сӯе костӣ.

На оини шоҳон бувад тохтан
Чунин бо бадандешагон сохтан,[2]

Ниёи ту моро парастанда буд,
Падар пеши шоҳони мо банда буд.

Кас[3] аз мо набуданд ҳамдостон,
Ки дер омадӣ божи Ҳиндустон.

Нигаҳ кун кунун рӯзи хоқони Чин,
Ки аз Чин биёмад ба Эронзамин.

Ба тороҷ дод, ончи оварда буд,
Бупечад аз он бад, ки худ карда буд.

Чунон ҳам ҳаме бинам оини ту,
Ҳамон бахшату фарраву дини ту.[4]

Маро сози ҷанг асту ҳам хоста,
Ҳамон лашкари[5] якдил ороста.

Туро бо далерони ман пой нест,
Ба Ҳинд-андарун лашкаророй нест.

Ту андар гумонӣ ба[6] нерӯи хеш,
Ҳаме пеши дарё барӣ ҷӯи хеш.

Фиристодам, инак, фиристодае,
Сухангӯву бодониш озодае.

1. ИЛ – кай
2. И – аз бадӣ гардан афрохтан.
3. ИЛ – Ки
4. И – б. 1900 – 1903 нест.
5. Л – Ҳама лашкарам
6. ИЛ – зи

www.sattor.com

Агар бож бифрист, агар ҷангро,
Биёроиву сахт кун тангро.

Зи мо бод бар ҷони он кас дуруд,
Ки доду хирад бошадаш тору пуд».

Чу мушк[1] аз насими ҳаво хушк гашт,
Нависанда ин[2] нома андарнавашт[3].

Ба унвон-ш бинвишт шоҳи меҳаст,[4]
Ҷаҳондор[5] Баҳроми яздонпараст,

Ки тоҷи кайӣ ёфт аз Яздгурд
Ба хурдодмоҳ-андарун рӯзи урд.

Сипаҳдори марзу нигаҳдори бум,
Ситонандаи божи Сақлобу Рум.

Ба наздики Шангул сипаҳдори Ҳинд,
Зи дарёи Қаннуҷ то марзи Синд.

РАФТАНИ БАҲРОМИ ГӮР БА ҲИНДУСТОН БО НОМАИ ХУД

Чу бинҳод бар нома - бар-мӯҳр шоҳ,
Баророст бар сози нахчиргоҳ.

Зи лашкар ба розаш кас огоҳ не,
Ҷуз аз номдорон-ш ҳамроҳ не.

Биёмад бад-ин сон[6] ба Ҳиндустон,
Гузашт аз лаби[7] оби Ҷодуситон.

Чу наздики айвони[8] Шангул расид,
Дару пардаву[9] боргоҳаш бидид.

1. ИЛ – хат
2. Л – он
3. И – нома сабук дар
4. Л – Ба унвон-ш-бар номаи шоҳ баст
5. Л – Шаҳаншоҳ
6. И – шитобон
7. И – бари
8. И – аз роҳ б-айвони
9. И – пардаи

www.sattor.com

Баровардае дид[1] сар дар ҳаво,
Ба дар - бар фаровон силеҳу наво.

Саворону пилон ба дар-бар ба пой,
Хурӯшидани занг бо карраной.

Шигифтӣ бад-он боргаҳ - бар бимонд,
Дилашро[2] ба андеша андарнишонд.

Чунин гуфт бо пардадорони ӯй,
Парастандаву пойкорони[3] ӯй,

Ки аз назди пирӯз Баҳромшоҳ
Фиристода омад бар ин боргоҳ.

Ҳам андар замон рафт солори бор
Зи парда давон то бари[4] шаҳрёр.

Бифармуд, то парда бардоштанд,
Ба арҷаш[5] зи даргоҳ бугзоштанд.

Хиромон ҳаме рафт Баҳроми Гӯр,
Яке ҷой дид, осмонаш[6] булӯр.

Чу омад ба наздики Шангул фароз,
Варо дид бо тоҷ бар тахти ноз.

Ҳама пояи тахти заррин[7] булӯр,
Нишаста бар ӯ[8] шоҳи бофарру зӯр:

Изораш ҳама симу пайкар-ш зар,
Нишода ба ҳар ҷой чанде гуҳар.

Бародар-шро дид бар зери гоҳ,
Ниҳонда ба сар-бар зи гавҳар кулоҳ.

1. ИЛ – буд
2. И – хирадро
3. Л – ба пӯшандаву пойдорони
4. И – даргаҳ бари номвар
5. Л – арзаш
6. И – хона дид осмони
7. И – буд аз
8. И – бараш

www.sattor.com

Нишаста ба наздики ӯ раҳнамой,
Писар пеши тахт истода ба пой.[1]

Бари тахт шуд шоҳу бурдаш намоз,
Ҳама буд пешаш замоне дароз.

Забон тез букшоду гуфт: «Аз меҳ аст,
Ҷаҳондор Баҳроми яздонпараст

Яке нома дорам бари шоҳи Ҳинд,
Набишта хати паҳлавӣ бар паринд».

Чу овози Баҳром бишнид шоҳ,
Бифармуд заррин яке зергоҳ.

Бар он курсии зар-ш[2] биншонданд,
Зи даргоҳ ёрон-шро хонданд.

Чу биншаст, букшод лабро зи банд,
Чунин гуфт, к-«Эй шаҳрёри баланд,

Забон баркушоям, чу фармон диҳӣ,
Ки бе ту мабодо меҳиву беҳӣ».

Бад-ӯ гуфт Шангул, ки баргӯй ин,
Ки гӯянда ёбад зи чарх офарин.

Чунин гуфт, к-«Эй шоҳи хусравнажод,
Ки чун ӯ ба гетӣ зи модар назод.

Меҳ аст он сарафроз падроми шаҳр,
Ки бо доди ӯ заҳр шуд пойзаҳр.

Бузургон ҳама бождори ваянд,
Ба нахчир шерон шикори ваянд.

Чу шамшер гирад[3] ба разм-андарун,
Биёбон шавад ҳамчу дарёи хун.

Ба бахшиш чу абре бувад навбаҳор,
Бувад пеши ӯ ганҷи динор хор.

1. И – б. 1930, 1931 нест.
2. ИЛ – заркурсиш
3. Л – хоҳад

www.sattor.com

Паёме расонам сӯи[1] шоҳи Ҳинд
Ҳамон паҳлавиномаи бар паринд.

ПОСУХ ДОДАНИ ШАНГУЛ БА НОМАИ БАҲРОМ

Чу бишнид, шуд номаро хостор,
Шигифтӣ бимонд-андарун номдор.

Чу он нома бархонд фаррухдабир,[2]
Рухи тоҷвар гашт ҳамчун[3] зарир.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй марди чирасухун,[4]
Ба гуфтор маштобу тундӣ макун.

Сутургӣ намояд ҳаме шоҳи ту,
Чунон ҳам намояд ҳаме роҳи ту[5].

Касе[6] бож хоҳад зи Ҳиндустон,
Набошам зи гӯянда[7] ҳамдостон.

Ба лашкар ҳаме гӯяд ин гар[8] ба ганҷ,
В-агар шаҳру кишвар сипардан ба ранҷ

Куланганд шоҳону ман чун уқоб,
Ва ё хоку ман ҳамчу дарёи об.

Касе бо ситора накӯшад[9] ба ҷанг,
На бо осмон ҷуст кас ному нанг.

Ҳунар беҳтар аз гуфтани нобакор,
Ки гирад туро марди донанда хор.

На мардӣ, на дониш, на кишвар, на шаҳр,
Зи шоҳӣ шуморо забон аст баҳр.

---

1. И – фиристод зӣ
2. И – бархонд нома бар ӯ-бар дабир,
3. И – Бибуд рангу рӯяш ба сони
4. ИЛ – хирасухун,
5. И – б. 1949 нест.
6. И – Кас ар
7. И – хирадманд
8. Л – ё
9. И – набошад

www.sattor.com

Нуҳуфта ҳама обу ганҷи ман аст,
Ниёкон бад-он ҳеҷ нобурда даст.

Дигар ганҷи баргустувону зиреҳ,
Чу ганҷури мо баркушояд гиреҳ,

Ба пилон-ш бояд кашидан калид,
Агар жандапилаш тавонад кашид.

В-агар гирам аз теғу[1] ҷавшан шумор,
Ситора шавад пеши чашми ту хор.

Замин барнатобад сипоҳи маро,
Ҳамон жандапилону гоҳи маро.

Ҳазор ар[2] ба ҳиндӣ занӣ дар ҳазор,
Бувад кас, ки хонад маро шаҳрёр,

Ҳамон гавҳари кӯҳу дарё марост,
Ба ман дорад акнун ҷаҳон пушт рост.

Ҳамон[3] чашмаи анбару уду мушк,
Дигар риҳӣ[4] кофури ногашта хушк.

Дигар доруи мардуми дардманд,
Ба рӯи замин ҳар кӣ гардад нажанд.

Ҳама бум моро аз ин[5] сон пур аст,
Агар зарру сим аст, агар[6] гавҳар аст.

Чу ҳаштод шоҳанд бо тоҷи зар,
Ба фармони мо[7] танг баста камар.

Ҳамон бумро[8] кӯҳу дарёсту чоҳ,
Наёбад бар ин хок-бар[9] дев роҳ.

1. И – гирӣ аз гурзу
2. Л – Ҳазорон
3. И – Ҳама
4. И – ганҷи; Л – Дари ганҷи
5. И – бад-ин
6. Л – асту гар
7. Л – ман
8. И – Ҳама кишварам
9. И – буми ман

www.sattor.com

Зи Қаннуҷ то марзи Эронзамин[1],
В-аз ӯ то ба Сақлобу дарёи Чин[2]

Бузургон ҳама зердасти мананд,
Ба бечорагӣ дар парасти мананд.

Ба Ҳинду ба Чину Хутан посбон,
Наронанд ҷуз[3] номи ман[4] бар забон.

Ҳама тоҷи моро ситояндаанд,
Парастандагиро физояндаанд.

Ба мушкуи ман духти Фағфури Чин
Маро хонд андар ҷаҳон офарин.

Писар дорам аз вай яке шердил,
Ки бистонад аз кӯҳ ба шамшер дил.

Зи ҳангоми Ковус то Қайқубод
Аз ин буму бар кас накардаст ёд.

Ҳамон номбардор сесад[5] ҳазор,
Зи лашкар, ки хонад[6] маро шаҳрёр.

Зи пайвастагон чун[7] ҳазору дувист,
К-аз эшон касеро ба ман роҳ нест.

Ҳама зод бар зод хеши мананд,
Ки дар Ҳинд бар пой пеши мананд,

Ки дар беша шерон ба ҳангоми ҷанг
Аз овози[8] эшон бихоянд чанг.

Гар оин будӣ ҳеҷ озодаро,
Ки куштӣ ба тундӣ фиристодаро,

1. И – Сақлобу Чин,
2. И – он марз то Руму Эронзамин
3. И – Надорад магар
4. Л – Наронад ба ҷуз номи мо
5. И – Бувад номбардор понсад
6. И – Саворон, ки хоҳад
7. И – пайвастагонам
8. И – Дар оварди

www.sattor.com

Саратро ҷудо кардаме аз танат,
Шудӣ мӯягар бар ту пироҳанат».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Эй тоҷдор,
Агар меҳтарӣ, тухми тундӣ макор.[1]

Маро шоҳи ман гуфт,[2] к-ӯро бигӯй,
Агар бихрадӣ, роҳи девон маҷӯй.[3]

Зи даргаҳ ду доно[4] падидор кун,
Ки донӣ[5] варо комрон бар сухун.

Гар эдун, к-аш эшон ба рою хирад
Яке аз радони дарам бугзарад.

Маро низ бо марзи ту кор нест,
Ки наздики бихрад сухан хор нест.

Вагарна зи мардони ҷанговарон
Касе, к-ӯ гирояд ба гурзи гарон,

Гузин кун зи Ҳиндустон сад савор,
Ки бо як тани мо[6] кунад корзор,

Нахоҳем бож андар он[7] марзи ту,
Чу пайдо шавад мардиву[8] арзи ту».

КУШТӢ ГИРИФТАНИ БАҲРОМИ ГӮР ДАР БОРГОҲИ ШАНГУЛ ВА ҲУНАР НАМУДАН

Чу бишнид Шангул, ба Баҳром гуфт,
Ки «Ройи ту бо мардумӣ нест ҷуфт.

Замоне фуруд ою букшой банд,
Чӣ гӯӣ суханҳои носудманд?

1. ИЛ – коми кажжӣ махор.
2. И – гуфт Баҳром
3. ИЛ – Ки гар бихрадӣ, роҳи кажжӣ магӯй.
4. И – Зи море ду тан
5. ИЛ – дорӣ
6. И – даҳ тани ман
7. И – мо бож аз
8. И – Агар з-он ки пайдо шавад

www.sattor.com

Яке хуррам айвон бипардохтанд,
Ҳама ҳар чӣ боист, барсохтанд[1].

Биёсуд[2] Баҳром то ними рӯз,
Чу бар авҷ шуд тоҷи гетифурӯз,

Биёрост базме ба фармони шоҳ
Дар айвон парастандаи неккхоҳ.

Чу дар пеши Шангул ниҳоданд[3] хон,
Касеро[4] бифармуд, к-«Ӯро бихон,

К-аз Эрон[5] фиристодаи хусрав аст,
Сухангӯву эдар ба кори[6] нав аст.[7]

Касеро, ки бо ӯст, ҳам з-он нишон,
Биёвар ба хони далерон нишон.

Бишуд тез Баҳрому бар хон нишаст,
Ба нон даст букшоду лабро бубаст.[8]

Чу нон хӯрда шуд, маҷлис оростанд,
Навозандаи руду май хостанд.

Ҳаме бӯйи мушк омад аз хӯрданӣ,
Ҳамон зер зарбафти густурданӣ.

Бузургон чу аз бода хуррам шуданд,
Зи тимори нобуда беғам шуданд.

Ду танро бифармуд зӯрозмой,
Ба куштӣ, ки доранд бо дев пой.

Бирафтанд шоистамардони кор,
Бубастандашон бар миёнҳо изор.

1. И – Фиристодаро шод биншохтанд.
2. ИЛ – Баросуд
3. И – фикананд
4. И – Якеро
5. И – Ки з-Эрон
6. Л – андар макони
7. И – Або ӯ далерони хусравпараст.
8. И – б. 1966, 1977 нест.

www.sattor.com

Ҳаме зӯр кард он бар ин, ин бар он,
Гурезону печон ду марди ҷавон.[1]

Чу Баҳром бардошт ҷоми булӯр,
Ба мағзаш набид андарафканд шӯр.

Ба Шангул чунин гуфт, к-«Эй шаҳрёр,
Бифармой, то ман бубандам изор.

Чу бо зӯрмандӣ[2] ба куштӣ шавам,
На андар харобию[3] мастӣ шавам».

Бихандид Шангул, бад-ӯ[4] гуфт: «Хез,
Чу зер оварӣ, хуни эшон[5] бирез».

Чу бишнид Баҳром, бар пой хост,
Ба мардӣ хам овард болои рост.

Касеро, ки бигрифт аз эшон миён,
Чу шере, ки ёзад ба гӯри жаён[6],

Ҳаме бар замин зад чунон, к-устухон-ш[7]
Бикафту биполуд ранги рухон-ш.[8]

Бад-ӯ монда буд Шангул андар[9] шигифт,
Аз он бурзи болову он бурзи[10] кифт.

Ба ҳиндӣ ҳаме[11] номи Яздон бихонд,
Варо аз чиҳил мард[12] бартар нишонд.

---

1. Л – гарон.
2. ИЛ – зӯрмандон
3. Л – ҷавониву
4. И – варо
5. И – ӯро
6. Л – гарон;
   И – Чу шере, ки тозад ба гӯри жаён,
   Гирифт ӯ ба тундӣ якеро миён.
7. Л – к-устухон
8. Л – рухон;
   И – Чунон бар замин барзадаш, к-устухон
   Шикасту бигардид ранги рухон.
9. И – Шаҳи ҳиндувон монд з-ӯ дар
10. и – ёлу
11. И – бар ӯ
12. Л – меҳон чумла

www.sattor.com

Чу гаштанд маст аз майи хушгувор,
Бирафтанд аз айвони гавҳарнигор.

Чу гардун бипӯшид мушкинҳарир.
Зи хӯрдан биёсуд барнову пир.

Сӯи хоб кардан ниҳоданд сар
Чи шоҳу чи гурдони пархошхар[1].

Чу заррин шуд ин чодари мушкбӯй,
Фурӯзанда бар чарх бинмуд рӯй.

Шаҳи ҳиндувон борае барнишаст,[2]
Ба майдон хиромид[3] чавгон[4] ба даст.

Бибурданд бо шоҳ[5] тиру камон,
Ҳаме тохт бар орзу[6] як замон.

Ба Баҳром фармуд, то барнишаст
Камони каёнӣ гирифта ба даст.

Ба Шангул чунин гуфт, к-«Эй шаҳрёр,
Зи Эрон басе ҳаст бо ман савор.

Ҳама тиру чавгон кунанд орзу,
Чӣ фармон диҳад шоҳи озодахӯ?»

Чунин[7] гуфт Шангул, ки тиру камон
Сутуни[8] саворӣ бувад бегумон.

Ту бо шоху ёлӣ, бияфроз даст,
Ба зеҳ кун камонрову букшой шаст.

Камонро ба зеҳ кард Баҳроми гурд,[9]
Инонро ба бӯри таковар супурд.[10]

---

1. ИЛ – б. 2015 нест.
2. И – бар саманде нишаст,
3. Л – гурозанд (а)
4. И – Каманди каёӣ гирифта
5. И – чавгону
6. И – Бар он к-озмояд варо
7. И – Бад-ӯ
8. Л – Нишони
9. Л – Баҳроми Гӯр,
10. Л – Барангехта он тавковар сутур.

www.sattor.com

Хаданге бипайвасту[1] букшод шаст,
Нишонда ба як чӯба,[2] барҳам[3] шикаст.

Гирифтанд яксар бад-ӯ офарин
Саворони майдону мардони кин.

ГУМОН БУРДАНИ ШАНГУЛ БАР БАҲРОМ ВА БОЗДОШТАН ӮРО АЗ ЭРОН

Зи Баҳром Шангул шуд андар гумон,
Ки ин фарру ин зӯру[4] тиру камон

Намонад ҳаме ин фиристодаро,
На ҳиндӣ, на турку на озодаро.

Агар хеши шоҳ аст, агар меҳтар[5] аст.
Бародар-ш хонем[6] ҳам дар х(в)ар аст.

Бихандиду Баҳромро гуфт шоҳ,
Ки «Эй богуҳар пурҳунар[7] пешгоҳ.

Бародар туӣ шоҳро бегумон
Бар ин кӯшишу[8] зӯру тиру камон,

Ки фарри каён дориву зӯри шер,
Набошӣ магар номдоре далер».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Эй шоҳи Ҳинд,
Фиристодагонро макун ном синд.

На аз тухмаи Яздгирдам, на шоҳ,
Бародар-ш хонем,[9] бошад гуноҳ.

Аз Эрон яке марди бегонаам,
На донишпажӯҳам, на фарзонаам.

---

1. И – бурун карду; Л – Яке тир бигрифту
2. И – тир,
3. Л – дарҳам
4. Л – бурзу
5. И – Агар шаҳрёр аст ва гар чокар
6. И – В-агар хеши ӯяст
7. И – пурхирад номвар
8. И – бахшишу; Л – Бад-ин бахшишу
9. и – бародар махонам, ки

www.sattor.com

Маро бозгардон, ки дур аст роҳ.
Набояд, ки ёбад маро хашми шоҳ».

Бад-ӯ гуфт Шангул, ки «Тундӣ макун,
Ки бо ту ҳанӯз аст моро сухун.[1]

Набояд-т кардан ба рафтан шитоб,
Ки рафтан ба зудӣ набошад савоб.

Бари мо бибошу дил ором гир,
Чу пухта нахоҳӣ, майи хом гир».

Пас он гоҳ дастурро пеш хонд,
Зи Баҳром бо ӯ сухан чанд ронд.

В-аз он пас ба фарзонаи хеш гуфт,
Ки бо ту сухан дорам андар нуҳуфт,[2]

Гар ин мард Баҳромро хеш нест,
Гар аз паҳлавонони ӯ беш нест.

Шигифт аст, ки дар дили марди род
Бар ин достонҳо нашояд ниҳод.

Ба чарбӣ бигӯяш, ки «Эдар биист,
Зи Қаннуҷ рафтан туро рӯй нест.[3]

Ту гӯӣ мар ӯро ҳаме бо фиреб,
Ки аз гуфти ман дар дил орад ниҳеб.

Ту гӯӣ мар ӯро, накӯтар бувад,
Ту он гӯй бо вай, ки дарх(в)ар бувад.

Бигӯяш бар он сон, ки бошад савоб,
Ки пеши шаҳи Ҳинд бифзудӣ об.

---

1. И – пас аз б. 2037 ин б. омада:
   Зи майдон чу баргашту омад ба роҳ,
   Фуруд омаду бозгашт аз сипоҳ.
   Ба дастур гуфт он гаҳе: «Хезу рав,
   Ба наздики он марди бегона шав».
2. И – б. 2039 – 2041 нест.
3. Л – б. 2041 – 2044 нест;
   И – Бигӯ, то бибошад бар ин ҷойгоҳ,
   Ки ӯро кунам паҳлавони сипоҳ.

www.sattor.com

Кунун гар бибошӣ ба наздики ӯй,
Нигаҳ дорӣ он ройи борики ӯй,

Ҳар он ҷо, ки хуштар бувад, марзи туст,
Ки пеши шаҳи ҳиндувон арзи туст.[1]

Ба ҷое ки бошад ҳамешабаҳор,
Насими гулон ояд аз ҷӯйбор.

Зи Қаннуҷ барнагзарад некбахт,
Ба соле ду бор аст бори дарахт.

Гуҳар ҳасту дебову ганҷи[2] дирам,
Чу бошад дирам, дил набошад дижам.[3]

Навозанда шоҳе, ки аз меҳри ту
Бихандад, чу бинад ҳаме чеҳри ту.

Аз ин гуна харчанд хоҳӣ, бигӯй,
Чу рӯй андарорӣ ту бо ӯ ба рӯй.[4]

Чу ин гуфта бошӣ, бипурсаш зи ном,
Ки аз ном гардад дилам шодком.

Магар[5] ром гардад бад-ин марзи мо,
Фузун гардад аз фарри ӯ арзи мо.

Варо зуд солори лашкар кунем,
Бад-ин марзи боарз мо сар кунем».

Биёмад ҷаҳондида дастури шоҳ,
Бигуфт ин ба Баҳрому бинмуд роҳ.

Зи Баҳром он гаҳ[6] бипурсид ном,
Ки бе ном посух набудаш[7] тамом.

---

1. И – б. 2045 – 2049 нест;
   Л – Мар он ҷо, ки хуштар вилоят турост,
   Сипаҳдориву божи мулкат турост.
2. ИЛ – динору ганҷу
3. л – дил набошад ба ғам.
4. Л – б. 2054
5. И – Гар ӯ
6. Л – аз он пас
7. Л – набудӣ

www.sattor.com

Чу бишнид Баҳром, ранги рухаш
Дигар шуд, ки то чун диҳад посухаш.

Ба фарҷом гуфт: «Эй сухангӯй мард,
Маро дар ду кишвар[1] макун рӯйзард.

Ман аз шоҳи Эрон бупечам[2] ба ганҷ,
Гар аз нестӣ чанд бошам ба ранҷ,

Ҷуз ин бошад ороиши дини мо,
Ҳамон гардишу роҳу оини мо.

Ҳар он кас, ки печад сар аз шоҳи хеш,
Ба бархостан гум кунад роҳи хеш,

Фузунӣ наҷуст, он ки будаш хирад,
Ки бар мо баду нек ҳам[3] бугзарад.

Худованди тоҷи Фаридун[4] куҷост,
Ки пушти замона бад-ӯ гашт[5] рост?

Куҷо он бузургони хусравнажод,
Ҷаҳондор[6] Кайхусраву Кайқубод?

Дигар он ки донӣ ту Баҳромро,
Ҷавони ҷаҳонҷӯи[7] худкомро,

Ки гар ман зи фармони ӯ бугзарам,
Ба мардӣ сар орад ҷаҳон бар сарам.

Намонад бару буми[8] Ҳиндустон,
Ба Эрон кашад[9] хоки Ҷодуситон.

Ҳамон беҳ, ки ман бозгардам ба дар,
Бубинад маро шоҳи пирӯзгар.

1. Л – гетӣ
2. Л – напечам
3. ИЛ – Баду нек бар мо ҳаме
4. ИЛ – тоҷ Офаридун
5. ИЛ – буд
6. И – Ҷаҳонҷӯй
7. И – Ҷаҳонҷӯи бедору
8. И – аз ин кина
9. И – кунад

www.sattor.com

Агар ном пурсӣ ту,[1] Барзуй ном,
Чунин хонадам шоҳу ҳам бобу мом.

Ҳама посухи ман ба Шангул расон,
Ки ман дер мондам ба шаҳри касон».[2]

Чу дастур бишнид, посух бибурд,
Шунида ҳама пеши ӯ баршумурд.

Зи посух пурожанг шуд рӯи шоҳ
Чунин гуфт, к-«Ӯ дур монад зи роҳ

Яке чора созам кунун[3] ман, ки рӯз
Сар орам бар ин гурди гетифурӯз.»[4]

ҶАНГИ БАҲРОМ БО КАРГ ВА КУШТАНИ Ӯ КАРГРО

Яке карг буд андар он марзи шоҳ,
Зи болои ӯ баста бар бод роҳ.

Аз он беша бугрехтӣ шери нар,
Ҳам аз осмон каргаси тезпар.

Саросар ҳама марз аз ӯ дар хурӯш,[5]
Аз овози ӯ кар шуда тезгӯш.

Ба Баҳром гуфт: «Эй писандида мард,
Барояд ба дасти ту ин коркард?

Яке беша наздики шаҳри ман аст,
К-аз он беша андеша баҳри ман аст.

Яке карг дар вай ба сони наҳанг,
Бидаррад дили шеру чарми паланг.[6]

Ба наздики он карг бояд шудан,
Ҳама чарми ӯро ба тир ожадан.

1. И – Гар аз ном пурсам,
2. И – б. 2073 нест.
3. Л – бар ӯ,
4. л – Сар ояд бад-ин марди лашкарфурӯз.
5. Л – Якояк ҳама Ҳинд аз ӯ пурхурӯш,
6. ИЛ – б. 2081, 2082 нест.

www.sattor.com

Магар з-ӯ баросояд ин буму бар,
Ба фарри ту, эй марди пирӯзгар.

Яке ҷоҳ бошад-т наздики ман,
Чу наздики он номдор анҷуман,

Ки ҷовид дар кишвари Ҳинду Чин
Кунад бар ту-бар ҳар касе[1] офарин».

Бад-ӯ гуфт Баҳроми покизарой,
Ки «Бо ман бибояд яке раҳнамой.

Чу бинам ба нерӯи Яздон танаш,
Бубинӣ ба хун ғарқа пироҳанаш».[2]

Бад-ӯ дод Шангул яке раҳнамой,
Ки ӯро нишеман бидонисту ҷой.

Ҳаме рафт бо некдил раҳнамун,
Бад-он бешаи карг дил пур зи хун.[3]

Ҳаме гуфт чанде зи ороми ӯ,
Зи болову паҳнову андоми ӯ.

Чу бинмуд, Баҳром баргашту рафт
Хиромон бад-он бешаи карг тафт.

Паси пушти ӯ чанд аз эрониён
Ба пайкори он карг баста миён.

Чу аз дур диданд хартуми ӯ,[4]
Зи ҳангаш ҳаме паст шуд буми ӯ.[5]

Бад-ӯ гуфт: «Ҳар кас,[6] ки[7] шоҳо, макун,
Зи мардӣ ҳаме бугзаронӣ сухун.

1. Л – ҳар касе бар ту-бар
2. И – б. 2088 нест.
3. Л – гурги резандахун.
4. ИЛ – ӯй,
5. ИЛ – ӯй.
6. И – Бигуфтанд бо ӯ,
7. Л – ҳар касе гуфт:

www.sattor.com

Накардаст кас ҷанг бо кӯҳи Ганг,[1]
Агарчи далерӣ ту, шоҳо,[2] ба ҷанг.

Ба Шангул чунин гӯй, к-ин роҳ нест,
Бад-ин ҷанг дастурии шоҳ нест.

Ба фармон кунам ҷанг, агар шоҳи ман
Ҳаме бишнавад, биспарад ҷоҳи ман».[3]

Чунин дод посух, ки «Яздони пок
Маро гар ба Ҳиндустон дод хок,

Ба ҷойи дигар марги ман чун бувад,
К-аз андоза андеша[4] берун бувад»

Камонро ба зеҳ кард марди ҷавон,
Ту гуфтӣ ҳаме хор гирад[5] равон.

Биёмад давон то ба наздики карг,
Пур аз хашм сар, дил ниҳода ба марг.

Камони каёнӣ гирифта ба чанг,
Зи таркаш баровард тири ҳаданг.

Бизад,[6] тир борид ҳамчун тагарг,
Дамодам ҳаме,[7] то ғамӣ гашт карг.

Чу донист, к-ӯро сар омад замон,
Бароҳехт ханҷар ба ҷойи камон.

Сари каргро паст бубриду гуфт:
«Ба номи Худованди беёру ҷуфт,

Ки ӯ дод моро чунин[8] фарру зӯр,
Ба фармони ӯ тобад аз чарх ҳур».

1. ИЛ – кӯҳу санг,
2. Л – В-агарчи далеранд шоҳон; И – далеранд шоҳон
3. И – 2097, 2098 нест.
4. Л – Ки андоза з-андеша; И – Ки андеша з-андоза
5. Л – Ҳаме гирад аз вай; И – дорад.
6. Л – Ҳаме
7. Л – Бад-ин ҳамнишон,
8. ИЛ – чандин маро

www.sattor.com

Бифармуд, то гови[1] гардун баранд,[2]
Сари[3] карг аз он беша берун баранд.[4]

Бибурданд, чун дид Шангул зи дур,
Ба дебо биёрост айвони сур.

Чу бар тахт биншаст пурмоя шоҳ,
Нишонданд Баҳромро пеши гоҳ.[5]

Ҳаме кард ҳар кас бад-ӯ офарин,
Бузургони Ҳинду далерони[6] Чин.

Бирафтанд ҳар меҳтаре бо нисор,
Ба Баҳром гуфтанд, к-«Эй номдор,

Касеро сазои ту кирдор нест,
Куҷо гоҳи ту роҳи дидор нест.

Аз ӯ[7] шодмон Шангулу[8] гаҳ ба ғам,
Гаҳе тоза будӣ[9], замоне[10] дижам.

КУШТАНИ БАҲРОМИ ГӮР АЖДАҲОРО

Яке аждаҳо буд бар хушку об,
Ба дарё гаҳе гоҳ дар офтоб.

Ҳаме даркашидӣ ба дам жандапил,
В-аз ӯ хостӣ мавҷи дарёи Нил.[11]

Чунин гуфт Шангул ба ёрони хеш,
Бад-он тезҳуш роздорони хеш,

---

1. Л – гову; И – гову
2. И – баред,
3. И – Тани
4. И – баред.
5. И – Нишонд аз бари тахт Баҳромро,
   Бихонданд ёрони худкомро.
6. Л – саворони; И – Далерони Ҳинду саворони
7. Л - шод Шангул гаҳу
8. И – Гаҳе
9. - тозарӯю
10. И – тозарухсору гаҳ
11. И –б. 2116 нест.

www.sattor.com

Ки ман з-ин фиристодаи шермард,
Гаҳе шодмонам, гаҳе пур зи дард.

Маро пушт будӣ, гар эдар будӣ,
Ба Қаннуҷ-бар лашкарам[1] сар будӣ.

Гар аз назди мо сӯи[2] Эрон шавад,
Зи Баҳром Қаннуҷ вайрон шавад.

Чу кеҳтар чунин бошаду меҳтар ӯй,
Намонад бад-ин марзи[3] мо рангу бӯй.

Ҳама шаб ҳаме кори ӯ сохтам,
Яке чораи дигар андохтам.

Фиристам-ш наздики[4] он аждаҳо,
К-аз ӯ бегумон ҳам наёбад[5] раҳо.

Набошам накӯҳида аз кори ӯ,[6]
Чу бо аждаҳо гардад ӯ ҷангҷӯ.[7]

Бигуфт ину Баҳромро пеш хонд,
Басе достони далерон[8] биронд.

Бад-ӯ гуфт: «Яздони додофарин
Туро эдар овард аз Эронзамин,

Ки Ҳиндустонро бишӯӣ зи бад,
Чунон, к-аз раҳи номдорон сазад.

Яке кор пеш аст бо дарду ранҷ,
Ба оғоз ранҷу ба фарҷом ганҷ.

Чу ин карда бошӣ, замоне мапой,
Ба хушнудии ман бирав боз ҷой».

1. И – лашкарӣ
2. И – пеши мо ӯ ба
3. Л – бар ин буми
4. И – зӣ ҷанги
5. И – худ наёяд
6. ИЛ – ӯй,
7. Л – ӯ шавад ҷангҷӯй; И – худ шавад ҷангҷӯй,
8. И – далерӣ

www.sattor.com

Ба Шангул чунин посух овард шоҳ,
Ки аз роҳи ту бугзарам, нест роҳ.

Зи фармони ту нагзарам як замон,
Магар бад бувад гардиши осмон.

Бад-ӯ гуфт Шангул, ки «Моро[1] балост,
Ки бар[2] буми мо-бар[3] яке аждаҳост.

Ба хушкиву дарё[4] ҳаме бугзарад,
Наҳанги дамоҳанҷро[5] бишкарад.

Тавонӣ, магар чорае сохтан,
Аз ӯ кишвари Ҳинд пардохтан.

Ба Эрон барӣ божи Ҳиндустон,
Ҳама марз бошанд[6] ҳамдостон.

Басе[7] ҳадяи Ҳинд бо бож[8] низ,
Зи уду зи теғу[9] зи ҳар гуна чиз».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Эй подшо,
Ба Ҳинд-андарун шоҳу[10] фармонраво,

Ба фармони доранда Яздони пок
Пайи аждаҳоро бибуррам зи хок.

Надонам, ки ӯро нишеман куҷост,
Бибояд намудан ба ман роҳи рост».

Фиристод Шангул яке роҳҷӯй,
Ки он аждаҳоро намояд бад-ӯй.

Ҳаме рафт бо номвар сӣ савор,
Зи Эрон бузургони ханҷаргузор.

---

1. Л – чандин; И – чанде
2. Л – Бар ин
3. И – Бар ин бум моро
4. И – таррӣ
5. И – дижогохро
6. И – гарданд
7. Л – Ҳамон
8. И – Ҳама ҳадя бо божи бисёр
9. И – мушку зи уду
10. ИЛ – шоҳи

www.sattor.com

Ҳаме тохт, то пеши дарё расид,
Ба торикӣ он аждаҳоро бидид.

Бидид он тану печишу хашми ӯй,
Ҳаме оташ афрӯхт аз чашми ӯй.

Бузургони Эрон хурӯшон шуданд,
Аз он аждаҳо тез ҷӯшон шуданд.

Ба Баҳром гуфтанд, к-«Эй шаҳрёр,
Ту инро чунон карги пешин мадор.

Бад-ин бад мадеҳ шаҳри Эрон ба бод,
Макун душманатро бад-ин бум шод».

Ба эрониён гуфт Баҳроми гурд,
Ки «Ҷонро ба додор[1] бояд супурд.

Маро гар замона бад-ин аждаҳост,
Ба мардӣ фузунӣ нагирад, на[2] кост!

Камонро ба зеҳ карду бугзид тир,
Ки пайкон-шро дода буд заҳру шир.

Бар он аждаҳо тирборон гирифт,
Чапу рост ҷанги саворон гирифт.

Ба пӯлоди пайкон даҳонаш бидӯхт,
Ҳама ховар аз заҳри ӯ барфурӯхт.

Дигар чорчӯба бизад бар сараш,
Фурӯ рехт бо захр хун аз бараш.

Тани аждаҳо гашт аз он тир суст,
Ҳаме хокро хуну заҳраш бишуст.

Сабук теғи заҳробгун баркашид,
Ба тундӣ дили аждаҳоро дарид.[3]

Ба теғу табарзин бизад гарданаш,
Ба хок-андар афканд беҷон танаш.

1. И – танро ба доранда
2. И – нагардад фузун рафт
3. Л – аждаҳо бардарид; И- Саросар тани аждаҳо бардарид.

www.sattor.com

Ба гардун сараш назди[1] Шангул кашид,
Чу шоҳ ин сари[2] аждаҳоро бидид,

Баромад зи Ҳиндустон[3] офарин
Зи додор бар буми Эронзамин,

Ки зояд бар он хок чунин савор,
Ки бо аждаҳо созад ӯ корзор.

Бад-ин бурзи[4] болову ин шоху ёл,
Набошад ба ҷуз шаҳрёраш ҳамол.

БА ЗАНӢ КАРДАНИ БАҲРОМИ ГӮР ДУХТАРИ ШОҲИ ҲИНДУСТОНРО

Ҳама шоду Шангул диле пур зи дард,
Ҳаме дошт аз кори ӯ рӯй зард.

Шаб омад, биёвард фарзонаро,
Ҳамон мардуми хешу бегонаро.

Чунин гуфт, к-«Ин марди Баҳромшоҳ
Бад-ин шоҳу[5] ин зӯру[6] ин дастгоҳ

Набошад ҳаме эдар[7] аз[8] ҳеҷ рӯй,
Зи ҳар гуна омехтам рангу бӯй.

Гар аз назди мо ӯ ба Эрон шавад,
Ба наздики шоҳи далерон шавад,

Сипоҳи маро суст хонад ба кор,
Ба Ҳиндустон нест гӯяд савор.

Сарафроз гардад ҳаме[9] душманам,
Фиристодаро сар зи тан[10] барканам.

1. Л – танаш сӯи
2. Л – он тани
3. И – аз он ҳиндувон
4. М – бурзу
5. И – фарру
6. Л – бурзу ин шоҳу
7. И – ояд
8. Л – андар ӯ
9. Л – магар
10. И – бун

www.sattor.com

Ниҳонаш ҳаме кард хоҳам табоҳ,
Чӣ бинеду инро чӣ доред[1] роҳ?»

Бад-ӯ гуфт фарзона, к-«Эй шаҳрёр,
Дилатро бад-ин гуна ранҷа[2] мадор.

Фиристодаи шаҳрёрон кушӣ,
Ба каҷжӣ бувад роҳу бедонишӣ.[3]

Кас андеша з-ин гуна ҳаргиз накард,
Ба гирди чунин рой[4] ҳаргиз магард.

Бари меҳтарон[5] зиштномӣ бувад,
Сипаҳбад ба мардум гиромӣ бувад.[6]

Ҳамон гаҳ биёяд зи Эрон сипоҳ,
Яке тоҷдоре чу Баҳромшоҳ,[7]

Намонад зи мо кас бар ин буму руст,
Зи некӣ набояд туро даст шуст.

Раҳонандаи мост аз аждаҳо,
На куштан бувад ранҷи ӯро баҳо.

Бар ин буми мо[8] аждаҳо кушту карг,
Ба тан зиндагонӣ физояш, на марг».

Чу бишнид Шангул сухан[9], хира гашт,
Зи гуфтори фарзонагон[10] тира гашт.

Бибуд он шабу бомдоди пагоҳ
Фиристод кас назди Баҳромшоҳ.[11]

1. И – гӯеду инро чӣ бинед
2. И – ро ғамгин
3. И – Зи бедонишӣ бошаду беҳушӣ.
4. И – гуфта
5. В-мардумон
6. ТПЗИ – Гар ин мардро сар ба гоз оварӣ,
Бад-ин марз ранҷи дароз оварӣ.
7. И – Ҳамон гаҳ зи Эрон биёяд сипоҳ,
Чу Баҳромшаҳ пеш – дар кинаҳоҳ.
8. И – Чу дар буми ту
9. И – сараш
10. И – доно дилаш
11. И – Пас аз б. 2177 ин б. омада:

www.sattor.com

Ба танҳо тани хеш беанҷуман,
На дастур буд пеш, на ройзан.

Ба Баҳром гуфт: «Эй дилорой мард,
Тавонгар шудӣ, гирди бешӣ магард.

Туро дод хоҳам ҳаме духтарам,
Зи гуфтор, кирдор бошад барам.

Чу ин карда бошам, бари ман биист,
К-аз эдар гузаштан туро рӯй нест.

Туро бар сипаҳ комгорӣ диҳам,
Ба Ҳиндустон шаҳрёрӣ диҳам».

Фурӯ монд Баҳрому андеша кард
Зи тахту нажоду зи[1] нангу набард.

Ба дил гуфт: «Бо ин сухан ҷанг[2] нест,
Чу Шангул хусур бошадам, нанг[3] нест.

Ва дигар, ки ҷонро биёбам аз ин,
Бубинам, магар хоки Эронзамин,[4]

Ки эдар бад-ин сон бимондем дер,
Даровехт бар доми рӯбоҳ шер».[5]

Ба Шангул чунин гуфт.[6] «Фармон кунам,
Зи гуфторат[7] ороиши ҷон[8] кунам.

Бад-ӯ гуфт: «Танҳо бад-ин боргоҳ,
Ҳаме ранҷа бояд шудан бе сипоҳ».
Хиромид Баҳрому ӯро бидид,
Бад-он тахту тоҷ офарин густарид.

1. И – зи Эрон
2. И – ман бар аз ин кор ҳам нанг
3. И – ҷанг
4. И – Агар на сар омад маро разму кин.
5. И – Баровехт бар дори рӯбоҳ шер,
Кунун чора бояд, бибудан далер.
Сазоворам ар бинам аз шоҳ бад,
Сипаҳбад фиристода созад зи х(в)ад.
Аз он кас, ки дидем, Шопури гурд
Аз ин кор кардан зи Қайсар чӣ бурд.
6. И – Чунин дод посух, ки
7. И – фармон-т
8. И – кунам.

www.sattor.com

Валекин зи духтар яке баргузин,
Ки чун бинамаш, хонамаш офарин».

Зи гуфтори ӯ шод шуд шоҳи Ҳинд,
Биёрост айвон ба чинӣ паринд.[1]

Се духтар биёмад чу хуррамбаҳор,
Ба ороишу бӯю рангу нигор.[2]

Ба Баҳроми Гӯр он замон гуфт: «Рав,
Биёрой дилро ба дидори нав».

Бишуд тез Баҳрому айвон бидид,
Аз он моҳрӯён яке баргузид.

Чу хуррамбаҳоре Сапенуд ном,
Ҳама шарму нозу ҳама рою ком.

Бад-ӯ дод Шангул Сапенудро,
Чу сарви саҳӣ шамъи бедудро.

Яке ганҷи пурмоятар баргузид,
Бад-ин моҳрух дод Шангул калид.

Биёвард ёрони Баҳромро,
Саворони бозеби[3] худкомро.

Дирам доду динору ҳар гуна чиз,
Ҳамон[4] анбару уду кофур низ.[5]

Биёрост айвони гавҳарнигор,
Зи Қаннуҷ ҳар кас, ки буд номдор,

Хиромон бад-он боргоҳ[6] омаданд,
Ба шодӣ[7] ҳама назди шоҳ омаданд.

---

1. И – зи хаззу
2. И – б. 2190 нест.
3. ИЛ – бозебу
4. И – Ҳама
5. ТПЗ – Ҳам аз аспу зарринситому камар,
   Касеро, ки шоистатар, тоҷи зар
   Ҳам аз баҳри Баҳром пирӯза тоҷ,
   Биёрост бо номвар тахти оҷ.
6. И – ҷашнгоҳ
7. Бузургон

www.sattor.com

Бибуданд як ҳафта бо май ба даст,
Ҳама шоду[1] хуррам ба ҷойи нишаст.

Сапенуд бо шоҳ Баҳроми Гӯр,
Чу май буд равшан ба[2] ҷоми булӯр.

НОМАИ ФАҒФУРИ ЧИН БА БАҲРОМИ ГӮР ВА ПОСУХИ ОН

Чу з-ин[3] огаҳӣ шуд ба Фағфури Чин,
Ки бо фарр(у)[4] марде зи[5] Эронзамин

Ба наздики Шангул фиристода буд,
Ҳамоно, ки шоҳи таҳамзода буд.[6]

Бад-ӯ дод Шангул яке духтараш,
Ки бар моҳ сояд ҳаме афсараш.

Яке нома наздики Баҳромшоҳ
Набишт он ҷаҳондори[7] бодастгоҳ.

Ба унвон-бар аз шаҳрёри ҷаҳон,
Сари номдорону тоҷу[8] меҳон.

Ба назди фиристодаи порсӣ,
Ки омад ба[9] Қаннуҷ бо ёр сӣ.

Дигар гуфт, к – «Омад ба мо огаҳӣ
Зи ту номвар марди бофарраҳӣ.

Хирадмандиву мардиву ройи ту,
Фушурдан ба ҳар ҷой[10] бар пойи ту.

1. И – масту
2. И – Ҳаме буд равшан чу
3. И – Аз он
4. И – зеб
5. Л – бо фарр(у) марде аз
6. ТПЗ – Ба Ҳинд-андарун чанд кори бузург
Ба дасти ҳамон шермарди сутург
Баромад ба мардиву нерӯи бахт,
Назебад бар ӯ-бар магар тоҷу тахт.
7. И – Фиристод он марди
8. И – тоҷдорону оби
9. Л – зи
10. Л – ҷой

www.sattor.com

Кучо каргу ин[1] номдор аждаҳо
Зи шамшери тезат наёбад[2] раҳо.

Ба ту дод духтар, ки пайванди мост,
Ки Ҳиндустон холи ӯро баҳост.[3]

Сари хештан[4] бурдӣ андар ҳаво
Ба пайванди ин шоҳи фармонраво.

Ба Эрон бузургист, з - ин[5] шоҳро,
Кучо кеҳтараш афсари[6] моҳро.

Ба дастурии шоҳ раҳ баргирифт,
Ба Қаннуч шуд, моҳ дар бар гирифт.

Кунун ранч бардору эдар биёй,
Бад – ин марз чандон ки хоҳӣ, бипой.

Ба дидори ту чашм равшан кунам,[7]
Равонро зи ройи ту чавшан кунам.[8]

Чу хоҳӣ, к – аз эдар шавӣ боз чой,
Замоне нагӯям бари мо бипой.[9]

Равӣ[10] шоду ба хилъату[11] хоста,
Худу номдорон - т[12] ороста.

Туро омадан назди ман нанг нест,
Чу[13] бо шоҳи Эрон маро чанг нест.

Макун суст аз ин омадан ҳеч рой,
Чу хоҳӣ ки баргардӣ, эдар мапой».

---

1. Л – он
2. Л – наёмад
3. И – б. 2208 – 2210 нест.
4. Л – хешро
5. И – ин
6. И – Сазад точи ӯ афсару
7. Л – кунем,
8. Л – кунем.
9. И – б. 2215, 2216 нест.
10. И – Бирав
11. И – Чу хоҳӣ, бирав шоду бо
12. ИЛ – номдорони
13. И – Ки

www.sattor.com

Чу нома биёмад ба Баҳроми Гӯр,
Ба дил- ш-андар афтод аз он нома шӯр.

Нависанда бархонду[1] посух навишт,[2]
Ба полизи кина дарахте бикишт.

Сари нома гуфт: «Ончи гуфтӣ, расид,
Ду чашми ту ҷуз кишвари Чин надид.

Ба унвон-бар аз шаҳрёри[3] ҷаҳон,
Навиштӣ сарафрозу тоҷи меҳон.

Ҷуз он аст, ки гуфтӣ саросар сухан,
Бузургӣ тӯро ман нахоҳам[4] куҳан.[5]

Шаҳаншоҳ Баҳроми Гӯр асту бас,
Ҷуз ӯ дар замона надонем[6] кас.

Ба мардиву дониш, ба фарру нажод,
Чун ӯ подшо кас надорад ба ёд.

Ҷаҳондори пирӯзгар хонамаш,
Зи шоҳон сарафрозтар донамаш.

Дигар он, ки гуфтӣ, ки ман кардаам,
Ба Ҳиндустон ранҷҳо бурдаам.

Ҳам аз ахтари шоҳ Баҳром буд,
Ки бофарру авранду боном буд.

Ҳунар назди эрониён асту бас,
Надоранд шери жаёнро ба кас.

Ҳама якдилонанду яздоншинос,
Ба некӣ надоранд аз ахтар сипос.

Дигар он ки духтар ба ман дод шоҳ,
Ба мардӣ гирифтам ман ин пешгоҳ.

1. И – Набисандаро хонду
2. И – набишт,
3. Л – подшоҳи
4. Л – нахоҳам
5. И – б. 223, 2224 нест.
6. И – Ҷӯз ӯро нахоҳем мо шоҳи

www.sattor.com

Яке подшоҳ аст[1] Шангул - бузург,
Ба мардӣ ҳаме ронад аз меш гург.

Чу бо ман сазо дид пайванди хеш,
Ба ман дод шоиста фарзанди хеш.

Дигар он, ки гуфтӣ, ки хез, андарой,
Ба ҳар некувӣ бошамат раҳнамой.

Маро шоҳи Эрон фиристад ба Ҳинд,
Ба Чин оям аз баҳри чинипаринд.

Набошад зи ман шоҳ ҳамдостон,
Ки ронам бар ин гуна-бар достон.[2]

Дигар он навиштӣ,[3] ки бо хоста,
Ба Эрон[4] фиристам – т ороста.

Маро кард Яздон аз он бениёз,
Ба чизи касон даст кардан дароз.

Зи Баҳром дорам ба бахшиш сипос,
Ниёиш кунам рӯзу дар шаб се пос.

Чаҳорум, ки чанде ситудӣ маро,
Ҳунар з – ончи буд, барфузудӣ маро.

Пазируфтам он аз ту, эй шоҳи Чин,
Бигӯям або шоҳи Эронзамин.

Зи Яздон туро бод чандон дуруд,
Ки онро надонад фалак тору пуд».

Бар он нома бинҳод мӯҳри[5] нигин,
Фиристод нома[6] бари шоҳи Чин.

1. И – шаҳрёр аст
2. ИЛ – он ки гуфтӣ.
3. И – б. 2234 – 2237 нест.
4. И – Аз ин ҷо
5. И – Бад – он нома бинҳод он гаҳ
6. И – з – он ҷо; Л – посух

www.sattor.com

ГУРЕХТАНИ БАҲРОМИ ГӮР АЗ ҲИНДУСТОН БО ДУХТАРИ ШАНГУЛ

Чу Баҳром бо духти Шангул бисохт,
Зан ӯро ҳаме шоҳи гетӣ шинохт.

Шабу рӯз гирён шуд аз меҳри ӯй,[1]
Ниҳода ду чашм андар он чеҳри ӯй.[2]

Чу аз меҳри ӯ Шангул огоҳ шуд,
Зи бадҳо гумонеш кӯтоҳ шуд.

Нишастанд як рӯз шодон ба ҳам,
Сухан рафт ҳар гуна аз бешу кам.

Сапенудро гуфт Баҳромшоҳ,
Ки «Донам, ки[3] ҳастӣ маро некхоҳ.

Ҳаме[4] роз хоҳам ҳаме бо ту гуфт,
Чунон кун, ки монад[5] сухан дар нуҳуфт.

Ҳаме рафт хоҳам зи Ҳиндустон,
Ту бошӣ бад – ин кор ҳамдостон.

Барам ман туро низ бо хештан,
Набояд, ки донад касе з – анҷуман.[6]

Ба Эрон маро кор аз ин меҳтар аст,
Ҳамам Кирдгори ҷаҳон ёвар аст.

Ба рафтан гар эдун, ки рой оядат,
Ба хубӣ хирад раҳнамой оядат,

Ба ҳар ҷой номи ту бону бувад,
Падар пеши тахтат ба зону бувад».

Сапенуд гуфт: «Эй сарфароз мард,
Беҳӣ[7] ҷӯю аз роҳи дониш магард.

1. Л – буд аз меҳри ӯ,
2. Л – ӯ.
3. И – ту
4. ИЛМ – Яке
5. Л – монӣ
6. И – б. 2251, 2252 нест.
7. И – Хирад

www.sattor.com

Беҳини занон аз ҷаҳон он бувад,
К – аз ӯ шӯй ҳамвора хандон бувад.

Агар пок ҷонам зи гуфтори ту
Бипечад, напечам сар аз кори ту».

Бад – ӯ гуфт Баҳром: «Пас чора кун,
В – аз ин роз макшой бар кас сухун».

2260 Сапенуд гуфт: «Эй сазовори[1] тахт,
Бисозам, агар бошадам ёр[2] бахт.

Яке ҷашнгоҳ аст з – эдар на дур,
Ки созад падар- м андар он беша сур,

Ки доранд фаррух мар он ҷойро,
Нишонанд он ҷо буторойро.

Бувад то бад – он беша[3] фарсанг бист,
Ки пеши бут-андар бибояд гирист.

Бад – он ҷой нахчири гӯрон бувад,
Ба Қаннуҷ сури саворон бувад.

2265 Шавад шоҳу лашкар бад – он ҷашнгоҳ,
Танеро набошад бад – он беша роҳ.

Агар рафт хоҳӣ, бад – он чора рав,
Ҳамеша куҳан бод ҷашну ту нав.[4]

Аз имрӯз бишкеб то панҷ рӯз,
Чу[5] пайдо шавад тоҷи[6] гетифурӯз.

Чу аз шаҳр берун шавад шаҳрёр,
Ба рафтан биёрою барсоз кор».[7]

---

1. ИЛ – сарафрози
2. И – Раҳ ин аст, гар бошадат нек
3. И – Ҷой
4. И – б. 2264 – 2266 нест.
5. Л – Ки
6. И – ҳури
7. ТПЗИЛ – Зи гуфтори зан гашт Баҳром шод,
Нахуфт андар андеша то бомдод.
Чу бинмуд хуршед бар чарх даст,
Шаби тира бори ғарибон бубаст.

www.sattor.com

Бад – он гуфт: «Барсозу бо кас магӯй,
Ниҳодем ҳар ду дар ин роҳ рӯй.»

Ҳаме буд то тоза шуд ҷашнгоҳ,
Гаронмоягон баргирифтанд роҳ.

Чу бархост Шангул, ки ояд ба дашт
Занаш гуфт: «Барзуй бемор гашт.

Ба пӯзиш ҳаме гӯяд: «Эй шаҳрёр,
Дилатро ба ман ҳеҷ ранҷа мадор.

Чу нотандурустӣ бувад, ҷашнгоҳ
Дижам бошаду донад ин моя шоҳ».

Бад – ӯ гуфт Шангул, ки «Ин худ мабод,
Ки бемор бошад, кунад ҷашн ёд».

Зи Қаннуҷ шабгир Шангул бирафт,
Сӯи ҷашнгаҳ рӯй бинҳод тафт.

Чу шаб тира шуд, зан ба Баҳром гуфт,
Ки «Омад гаҳи рафтан, эй нек ҷуфт».

Бипӯшид хафтону худ барнишаст
Каманде ба фитрок, гурзе ба даст.

Ҳамон гаҳ Сапенудро барнишонд,
Ҳаме зери лаб номи Яздон бихонд.

Ҳаме ронд, то пеши дарё расид,
Ба раҳ бори бозоргонро бидид,

Ки бозоргонони Эрон буданд,
Ба обу ба хушкӣ далерон буданд.

Чу бозоргон рӯйи Баҳром дид,
Шаҳаншоҳ лабро ба дандон газид.

Нафармуд бурдан ба пешаш намоз,
Зи ёрон суханро ҳаме дошт роз.

Нишаст аз бари бора Баҳромшоҳ,
Ҳаме ронд бо сози нахчиргоҳ.

www.sattor.com

Ба бозоргон гуфт: «Лабро бубанд,
К – аз ин судмандему з – он богазанд.

Гар ин роз дар Ҳинд пайдо шавад,
Зи хун хоки Эрон чу дарё шавад».

Кушода буд он кор, к – ӯ лаб бубаст,
Лабон баста бояд, кушода ду даст.

Забони шуморо ба савганд сахт
Бубандем, то боз ёбем тахт,[1]

Ки «Мо ҳаргиз аз роҳи Баҳромшоҳ
Напечему дорем розаш нигоҳ».

Чу савганд шуд хӯрдаву сохта,
Дили шоҳ аз он ранҷ пардохта,

Бад – эшон чунин гуфт пас шаҳрёр,
Ки «Назди шумо рози ман зинҳор

Бидоред, бо ҷон баробар кунед,
Чу хоҳед, к – аз пандам афсар кунед.

Гар аз ман шавад тахт пардохта,
Сипоҳ ояд аз ҳар сӯе сохта.

На бозоргон монад эдар, на шоҳ,
На деҳқон, на лашкар, на тахту кулоҳ»[2].

Чу з – он гуна диданд гуфтори ӯй,
Бирафтанд гирёну[3] пур-об рӯй,

Ки «Ҷони бузургон фидои ту бод,
Ҷавониву шоҳӣ ридои ту бод.

Агар ганҷи рози ту пайдо шавад,
Зи хун кишвари мо чу дарё шавад,

1. ТПЗИЛ – Бигӯед, к – аз пок бартар Худой,
Буридему бастем бо дев пой.
2. И – б. 2288 – 2291 нест.
3. Л – ғалтону

www.sattor.com

Кӣ ёрад бад – ин гуна андеша кард,
Хирадро табар, ройро теша кард[1]?»

Чу бишнид шоҳ ин[2], гирифт офарин,
Бар он номдорони покизадин.[3]

Ҳаме тохт, то пеши дарё расид,
Мар эрониёнро ҳама хуфта дид.

Барангехт киштиву заврақ бисохт,
Ба заврақ Сапенудро дарнишохт.

Ба хушкӣ расиданд, чун рӯз гашт,
Гаҳи тобиши гетиафрӯз гашт.

ТОХТАНИ ШАНГУЛ ПАСИ БАҲРОМИ ГӮР ВА ШИНОХТАНИ Ӯ

Саворе зи Қаннуҷ тозон бирафт
Ба огоҳ кардан бари шоҳ тафт.

Шунид ин сухан Шангул аз некхоҳ,
Чу оташ биёмад аз он ҷашнгоҳ.

Бад-ин гуна то пеши дарё расид,
Сапенуду Баҳроми ялро бидид.

Ғамӣ гашту бугзошт дарё ба хашм,
Ба фарзанд гуфт: «Эй бади шӯхчашм,

Ту бо ин фиребанда марди далер
Зи дарё гузаштӣ ба кирдори шер.

Ниҳонӣ зи ман сӯи Эрон шавӣ,[4]
Зи минуи[5] хуррам[6] ба вайрон шавӣ.[7]

---

1. ТПЗИЛ – Ҳаме рафт печон ба айвони хеш
   Ба Яздон супурда тану ҷони хеш.
   Л – Магар бахтро гӯяд аз роҳ бард.
2. И – хусрав; Л – он.
3. И – бododу дин; Л – бофарру дин.
4. Л - Ки бе огаҳи ман ба Эрон шавед,
5. Л- Аз ин марзи
6. И- обод мину
7. Л- шавед.

www.sattor.com

Бубинӣ кунун захми жӯпини ман,
Чу ногоҳ рафтӣ зи болини ман.

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Эй баднишон,
Чаро тохтӣ асп чун беҳушон!

Маро озмудӣ, ки дар корзор
Чунонам, ки бо бодаву майгусор.

Ту донӣ, ки аз ҳиндувон сад ҳазор[1]
Бувад пеши ман камтар аз як савор.

Чу ман бошаму номвар ёр сӣ,
Зиреҳдор бо ханҷари порсӣ,

Пур аз хун кунам дидаи ҳиндувон,
Намонам, ки бошад яке боравон».

Бидонист Шангул, ки ӯ рост гуфт,
Далериву мардӣ[2] нашояд нуҳуфт.

Бад-ӯ гуфт Шангул, ки «Фарзандро
Бияфкандаму хешу пайвандро,

Зи дида гиромитарат доштам,
Ба сар-бар ҳаме афсарат доштам.

Туро додам онро, ки худ хостӣ,
Маро ростӣ буд, туро костӣ.

Ҷафо баргузидӣ ба ҷойи вафо
Вафоро ҷазо кай шунидӣ ҷафо?!

Чӣ гӯям туро, к-он фарзанд буд,
Ба андешаи[3] ман хирадманд буд.

Кунун чун диловарсаворе шудаст,
Гумонад, ки ӯ комгоре[4] шудаст.

1. И- ин ҳиндуи бешумор
2. И- Бузургиву гурдӣ
3. И-андеша бо
4. Л- шаҳриёре

www.sattor.com

Дили порсӣ бовафо кай бувад,
Чу оре кунад,[1] ройи ӯ най бувад.

Чунон баччаи шер будӣ дуруст,
Ки аз хун дили доягонаш бишуст.

Чу дандон баровард у шуд тезҷанг,
Ба Парвардгор омадаш ройи ҷанг».

Бад-ӯ гуфт Баҳром: «Чун донията,
Бадандешу бадсоз чун хониям?

Ба рафтан набошад маро сарзаниш,
Нахонӣ[2] маро баддилу бадкуниш.

Шаҳаншоҳи Эрону Тӯрон манам,
Сипаҳдори пушти далерон манам.

Аз ин пас сазои ту некӣ кунам,
Сари бадсиголон зи тан барканам.

Ба Эрон ба ҷойи падар дорамат,
Ҳам аз божи кишвар наёзорамат.

Ҳамон духтарат шамъи Ховар бувад,
Сари бонувонро чу афсар шавад».[3]

Зи гуфтори ӯ монд Шангул шигифт,
Зи сар шораи ҳиндувон[4] баргирифт.

Бизад аспу аз пеши чандон сипоҳ
Биёмад ба пӯзиш ба наздики шоҳ.[5]

Шаҳаншоҳро шод дар бар гирифт,
В-аз он гуфтаҳо пӯзиш андаргирифт.

Ба дидор Баҳром шуд шодком,
Биёрост хону биёвард ҷом.

1. Л- ёрӣ кунӣ
2. И- Чӣ хонӣ
3. Ил-бувад
4. Л- хиндувӣ
5. И- б. 2330 нест

www.sattor.com

Баровард Баҳром роз аз нуҳуфт,
Суханҳои Эрон ба Шангул бигуфт.[1]

Ки кирдор[2] чун буду андеша чун,
Ки будам бад-ин достон[3] раҳнамун.

Мае чанд хӯрданду бархостанд,
Забонҳо зи[4] пӯзиш биёростанд.

БОЗГАШТАНИ ШАНГУЛ БА ҲИНД ВА БАҲРОМ БА ЭРОН

Ду шоҳи буторову[5] яздонпараст
Вафоро бисуданд бо даст[6] даст,

К-«Аз ин пас дили ростӣ нашканем,
Ҳаме бехи каҷжӣ зи бун барканем.

Вафодор бошем то ҷовидон,
Сухан бишнавем аз лаби бихрадон».

Сапенудро низ падруд кард,
Бари хеш тору бараш пуд кард.

Сабук пушт бар якдигар гаштанд,
Зи дил кина бар хок бугзоштанд.

Яке сӯи хушкӣ, дигар сӯи об
Бирафтанд шодондилу пуршитоб.

ПАЗИРА ШУДАНИ ЭРОНИЁН ШОҲ БАҲРОМИ ГӮРРО

Чу огоҳӣ омад ба Эрон, ки шоҳ
Биёмад зи Қаннуҷ худ бо сипоҳ,

Бубастанд озин ба роҳу ба шаҳр,
Ҳаме ҳар кас аз ком бардошт баҳр.

1. И- б. 2332, 2333 нест.
2. И-гуфтор.
3. И-бар ин корҳо.
4. ИЛ-ба
5. ИЛ-буторои
6. И-ба савганд бурданд

www.sattor.com

Дирам рехтанд аз карон то карон,
Ҳамон[1] мушку динору ҳам заъфарон.[2]

Чу огоҳ шуд з-он сухан Яздгирд,
Сипоҳи парокандаро кард гирд.

Чу Нарсию чун[3] мӯбади мӯбадон
Пазира шудандаш ҳама бихрадон.

Чу Баҳромро дид фарзанди ӯй,
Пиёда бимолид бар хок рӯй.

Databases-ш Нарсию мӯбад ҳамон
Пур аз гард рухсору дил шодмон.[4]

Пас он гаҳ[5] биёмад ба айвони хеш,
Ба Яздон супурда тану ҷони хеш.

Биёсуд,[6] чун гашт гетӣ сиёҳ,
Ба кирдори симинсипар гашт моҳ.

Чу пироҳани шаб бидаррид рӯз,
Падид омад он шамъи гетифурӯз,

Шаҳаншоҳ[7] бар тахти заррин нишаст,
Дари бор букшоду лаброр бубаст.

Бирафтанд ҳар кас,[8] ки буд меҳтаре,
Хирадманду дар[9] подшоҳӣ саре.

---

1. Л-Ҳам аз: И-Ҳама
2. ТПМ- Ҳама кас ба шодӣ ниҳоданд рӯй,
   Забон шоҳгӯю равон шоҳҷӯй.
3. И-Нарсӣ або
4. ТПМ- Зи шодӣ дили мардуми рӯзгор
   Ҳаме тоза шуд чун гул андар баҳор,
   Ки омад шаҳаншаҳ сӯи тахти хеш,
   Ба дил хуррам аз фарру аз бахти хеш.
5. ИЛ-Чунон ҳам
6. ИЛ-Баросуд
7. И-Сипаҳдор
8. И-то ҳар
9. И-Ҳунарманду бар

www.sattor.com

Ҷаҳондор бар[1] тахт - бар пой хост,
Биёрост покиза гуфтори[2] рост.

Нахуст аз ҷаҳонофарин ёд кард.
Зи воми хирад гардан озод кард.

Чунин гуфт, к-«Аз Кирдгори ҷаҳон,
Шиносандаи ошкору ниҳон

Битарседу[3] ӯро ситоиш кунед,
Шаби тира пешаш ниёиш кунед,

Ки ӯ дод пирӯзиву дастгоҳ,
Худованди тобанда хуршеду[4] моҳ.

Ҳар он кас, ки хоҳад.ки ёбад биҳишт,
Магардед гирди баду кори зишт.

Чу доду диҳиш бошаду ростӣ,
Бупечад дил аз кажживу костӣ.

Зи мо кас мабошед аз ин пас ба бим,
Агар кӯҳи зар дораду ганҷи сим.

Зи дилҳо ҳама тарс берун кунед,[5]
Ҳама некуиҳо ба афзун кунед.[6]

Кашоварз бо марди деҳқоннажод
Яке шуд бари мо ба ҳангоми дод.

Касеро ки мо тоҷ додему тахт,
Зи Яздон шиноседу аз доди бахт.

Бар ин низ агар хости Яздон бувад,
Дилам равшан аз бахт хандон бувад,

Бар ин некуиҳо физоиш кунам,
Сӯи некбахтӣ намоиш кунам.

1. ИЛ-аз
2. И-гуфтори покиза
3. Л-Бипурседу
4. И-гарданда хуршеду
5. И-кунем,
6. И-кунем.

www.sattor.com

Накӯшам ба огандани ганҷ ман,
Нахоҳам парокандани анҷуман.

Яке ганҷ хоҳам ниҳодан зи[1] дод,
Ки бошад равонам пас аз марг шод.

Гар аз лашкару кордорони ман,
Зи хешони ҷангисаворони ман

Касе ранҷҳо[2] диду бо ман[3] нагуфт,
Ҳаме дорад[4] он кажжӣ андар нуҳуфт,

Варо аз тани хеш бошад база,
База кай гузинад касе бе маза.

Манам пеши Яздон аз ӯ додхоҳ,
Ки дар чодари абр бинҳуфт моҳ,

Шуморо магар дигар аст орзуй[5]
Ки ҳар кас дигаргуна бошад ба хӯй.[6]

Бигӯед густох бо ман сухан,
Магар нав кунем орзуи куҳан.

Ҳама гӯш дореду фармон кунед,
Аз ин панд[7] ороиши ҷон кунед».

Бигуфт ину биншаст бар тахт шод,
Кулоҳи бузургӣ ба сар барниҳод.

Буургон бар ӯ хонданд офарин,
Ки «Бе ту мабодо кулоҳу нигин.

Чу доно бувад шоҳу пирӯзбахт,
Бинозад бар ӯ кишвару тоҷу тахт.[8]

1. Л-ба
2. И-ранҷи тан.
3. Л-Ҳаме ранҷ бугзиду бо кас
4. Л – Ҳамедошт
5. Л - орзу
6. Л – хӯ.
7. И – Зи панди ман; Л – пандам
8. И – б. 2378 нест.

www.sattor.com

Туро донишу мардиву фаррахӣ
Фузун омад аз тахти шоҳаншаҳӣ,

Бузургиву ҳам гавҳару ҳам нажод,[1]
Чу ту шоҳ гетӣ надорад ба ёд.

Кунун офарини ту шуд бегузир,[2]
Ба мо ҳар кӣ ҳастем барнову пир.

Ҳам[3] озодии ту ба Яздон кунем,
Ҳамон[4] пеши озодмардон[5] кунем.

Бар ин тахти арзониён аст шоҳ
Ба доду ба пирӯзиву дастгоҳ.

Ҳаме мурдагонро барорӣ зи хок.
Ба доду ба бахшиш ба гуфтори пок.[6]

Худованди доранда ёри ту бод,
Сари ахтар андар канори ту бод!»

Бирафтанд бо ромиш аз пеши тахт.
Бузургони[7] фарзонаву[8] некбахт.

Нишаст он замон шоҳу лашкар бар асп,
Биёмад сӯи хони Озаргушасп.

Басе[9] зарру гавҳар ба дарвеш дод,
Ниёз он ки бинҳуфт, аз ӯ беш дод.

Парастандаи озари[10] Зардуҳушт
Ҳаме рафт бо божу барсам ба мушт.[11]

1. И – Ба мардонагиву ба ганҷу ба дод
2. ИЛ – ногузир,
3. И – Ки
4. Л – Дигар
5. И – В-агар пеши яздонпарастон
6. И – 2384 нест.
7. И – Бузургону
8. Л – фарзонаи
9. Л – Ҳаме
10. Л – оташи
11. Л – бож сӯи куништ.

www.sattor.com

Сапенудро пеши ӯ бурд шоҳ,
Биёмӯхташ дину оину роҳ.

Бишусташ ба дини беҳу оби пок.
В-аз ӯ дур шуд гарду жангору[1] хок.

Дари танги зиндонҳо боз кард,
Ба ҳар кас дирам додан оғоз кард.

ОМАДАНИ ШАНГУЛ БО ҲАФТ ПОДШОҲ НАЗДИ БАҲРОМИ ГӮР

Пас огоҳ шуд Шангул аз кори шоҳ,
Зи духтар, ки буд шоҳро пешгоҳ.

Ба дидори Эрон будаш орзу
Бари духтару шоҳи озодахӯ.

Фиристод ҳиндӣ фиристодае,
Сухангӯй мардеву озодае.

Яке аҳди нав хост аз шаҳрёр,
Ки дорад ба хона-дарун ёдгор.

Ба наввӣ чаҳондор[2] аҳде навишт[3]
Чу хуршеди тобон ба боғи биҳишт.

Яке паҳлавӣ нома аз[4] хатти шоҳ
Фиристода оварду паймуд[5] роҳ.

Фиристода чун назди Шангул расид,
Сипаҳдори Қаннуҷ хатро бидид.

Зи Ҳиндустон сози рафтан гирифт,
Зи хешони чинӣ нуҳуфтан гирифт.

1. Л – зангори
2. И – сипаҳдор
3. И – набишт,
4. И – паҳлавӣ аҳд бар
5. ИЛ – бинмуд

www.sattor.com

Биёмад ба даргоҳи ӯ ҳафт[1] шоҳ,
Ки оянд бо шоҳ[2] Шангул ба роҳ.

Яке шоҳи Кобул, яке[3] Синдшоҳ,
Дигар Ҷӯгиёншоҳи бофарру гоҳ.

Дигар шоҳи Сандал, ки буд номдор,
Ҳамон шоҳи Ҷандал, гави комгор.[4]

Дигар шоҳи Кашмири бодастгоҳ,
Дигар Мӯлтоншоҳи бофарру ҷоҳ.[5]

2405 Ҳама номҷӯю ҳама тоҷдор,[6]
Ҳама нек бо тавқу бо гӯшвор.[7]

Ҳама вижа бо гавҳару симу зар[8]
Яке чатри ҳиндӣ зи товуси нар.[9]

Ба дебо биёроста пушти пил,
Ҳаме тохт он лашкар аз чанд мил

Або ҳадяи шоҳу[10] чандон нисор,
Ки динор шуд хор бар шаҳрёр.[11]

Чунин шоҳ Шангул або ҳафт шоҳ
Ҳаме ронд манзил ба манзил ба роҳ.[12]

---

1. И – Бирафтанд дар хидматаш панҷ
2. И – буданд ҳамроҳи
3. И – дигар
4. И – Пас аз б. 2403 ин б. омада:
   Або борапилону кӯсу дарой.
   Паси пушти ҳар як дирафше ба пой.
5. И – б. 2404 нест.
6. И – комгор,
7. М – Ҳама пок бо тавқу бо гӯшвор.
8. ТПЗЛ – Або жандапилону зангу дарой,
   Яке чатр ҳар як ба сар-бар ба пой.
   Ҳама пок бо лашкару сози роҳ.
   Ҳама номдорони боиззу чоҳ.
9. Л – б. 2406 нест.
10. И – гавҳару зарру
11. И – номдор.
12. И – Ҳаме роид манзил ба манзил сипоҳ,
    Чу огоҳӣ омад ба фархунда шоҳ;
    Л – Ҳаме рафт манзил ба манзил сипоҳ,
    Чу аз омаданшон шуд огоҳ шоҳ;

www.sattor.com

Чу аз омадаш огаҳӣ ёфт шоҳ,
Биёрост лашкар, бурун шуд зи роҳ.[1]

Бузургони ҳар шаҳр бархостанд,
Пазира шуданро биёростанд.

Биёмад шаҳаншоҳ то Наҳравон,
Хирадпиру бедору[2] давлатҷавон.

Ду шоҳи гаронмоя, ду нексоз[3]
Расиданд пас як ба дигар фароз.

Ба наздик-андар фуруд омаданд,
Або пӯзишу бо дуруд омаданд.

Гирифтанд ҳар[4] якдигарро[5] ба бар
Ду шоҳи сарафрози боточу фар.[6]

Пиёда шуда лашкар аз ҳар ду рӯй,
Ҷаҳоне саросар[7] пур аз гуфтугӯй.

Ду шоҳи ду кишвар расида ба ҳам,
Ҳаме рафт ҳар гуна аз бешу кам.

Ба зин барнишастанд ҳар ду савор,
Ҳамон пурҳунар лашкари номдор.[8]

Ба[9] айвонҳо тахти заррин ниҳод,
Бар ӯ ҷомҳо[10] хусравоин[11] ниҳод.

Яке[12] тирпартоб бар хон ниҳод,
Бар ӯ барраву мурғи бирён ниҳод.

ТПЗ – Чу наздики Эрон фароз омаданд,
Ба чандон гаронмоя соз омаданд!

1. ИЛ – б. 2410 нест.
2. Л – хушёру
3. Л – гаронмояи сарфароз.
4. И – мар
5. Л – мар ҳар якеро
6. И – гаронмояву пурҳунар.
7. И – зи шодӣ
8. И – 2417, 2418 нест.
9. И – Дар
10. И – Ба-дар ҷомаи
11. Л – ҷомҳои навоин
12. Л – Ба як

www.sattor.com

Чу нон хӯрда шуд, маҷлиси шоҳвор
Биёрост пурбӯю рангу нигор.[1]

Май овард бар хону ромишгарон,
Ҳама ҷома буд аз карон то карон.

Ҳама ҷоми бода саросар[2] булӯр,
Табақҳои заррину заррин хунур.[3]

Зи зар афсарон[4] бар сари майгусор,
Ба пой-андарун кафши гавҳарнигор.

Фурӯ монд з-он кох Шангул шигифт,
Ба май хӯрдан андеша андаргирифт,

Ки Эрон биҳиштест ё бӯстон,
Ҳаме бӯйи мушк ояд аз дӯстон.

Чунин гуфт бо шоҳи Эрон ба роз,[5]
Ки «Бо духтарам роҳи дидор соз».

Бифармуд, то ходимони сипоҳ
Падарро гузоранд наздики моҳ.

Ҳаме рафт бо ходимон номдор,[6]
Сарои дигар дида[7] чун навбаҳор,

Чу духтар-шро дид бар тахти оҷ,
Ба сар барниҳода зи беҷода[8] тоҷ,

Биёмад падар, бар сараш бӯса[9] дод,
Рухонро[10] ба рухсори ӯ барниҳод.

Падар зор бигрист аз меҳри ӯй,
Ҳамон бар падар духтари хубрӯй.

1. Ил – б. 2421 нест.
2. Л – май буд яксар
3. Л – мушку бухур.
4. ИЛ – афсаре
5. И – пас шоҳ бо сарфароз,
6. И – шаҳриёр,
7. И – дид
8. И – Нишаста ба орому бо фарру
9. И – маху дасти ӯ бӯс
10. И – Ду рухро

www.sattor.com

Ҳаме даст барсуд Шангул ба даст,
Аз он коҳу айвону ҷойи нишаст.

Сапенудро гуфт: «Инат[1] биҳишт,
Бирастӣ зи кохи баду ҷойи[2] зишт».

Ҳамон ҳадяҳое, ки оварда буд,
Агар бадраву тоҷ, агар барда буд,

Бад-ӯ дод бо ҳадяи шаҳрёр,
Шуд он хуррамайвон чун навбаҳор.[3]

Ҳама гавҳару ҷомаву тоҷҳо,[4]
Кас онро[5] надонист кардан баҳо.

В-аз он ҷойгаҳ шуд ба наздики шоҳ
Ҳаме кард мард андар айвон нигоҳ.[6]

Бузургон чу хуррам шуданд аз набид,
Бишуд Шангулу хобгоҳе гузид.

Чу пайдо шуд он чодари мушкранг,
Ситора бар ӯ ҳамчу[7] пушти паланг.

Гузиданд майхорагон хоби х(в)аш,
Парастандагон даст карда ба каш.

Чунин то падид омад он зардҷом,
Ки хуршед хонӣ мар ӯро ба ном.

Бияндохт[8] он чодари ложвард,
Бигустурд бар дашт ёқути зард,

Ба нахчир шуд шоҳ[9] Баҳроми гурд,
Шаҳаншоҳи Ҳиндустонро[10] бибурд.

1. ИЛ – к-«инат
2. И – Буторои
3. Л – Чу боғи баҳор.
4. Л- тоҷ бо ҷомаҳо,
5. И – Ки мӯбад
6. Л- Зи шодӣ шуда ройи ӯ бодахоҳ.
7. Л- баромад
8. И – Бидаррид
9. И – нахчиргаҳ рафт
10. И – Шаҳи ҳиндувонро або худ

www.sattor.com

Сӯи дашти нахчир бо юзу боз,
Ҳамон чарғу шоҳини гарданфароз,

Ба нахчири гӯрону оҳу ба дашт
Ҳама як маҳе рӯзи эшон гузашт.

Замоне накарданд дилро дижам,
Надиданд аз эшон касе дарду ғам.

Сари моҳро рӯй бартофтанд,
Сӯи бодаву базм биштофтанд.[1]

Чунин шоҳ Шангул[2] ба нахчиру сур,
Замоне набуд аз ҷаҳондор[3] дур.

Ба майдону маҷлис ба базму ба гӯй
Напартофт як рӯз аз шоҳ рӯй.

БОЗГАШТАНИ ШАНГУЛ АЗ ЭРОН БА ҲИНДУСТОН

Бар ин рӯзгоре баромад дароз,
Шаҳи ҳиндувон роҳро кард соз.[4]

Биёмад зи майдони тиру камон,
Бари духтари хеш рафт он замон,

Қалам хост он шоҳу қиртос хост,
Зи мушки сияҳ суда анқос хост.

Яке хатт бинвишт бар ҳиндувӣ,
Пур аз дод монандаи паҳлавӣ.[5]

Сари аҳд кард офарин аз нахуст,
Бар он к – ӯ ҷаҳон аз нажандӣ бишуст.

Бигустурд покиву ҳам ростӣ,
Сӯи дев шуд кажживу костӣ.

1. ИЛ – Б. 2446 – 2449 нест.
2. Л – ҳам ба гӯю
3. И – намебуд зи Баҳром
4. ИЛ – б. 2451, 2452 нест.
5. ТПЗ – Ки «Ман банда бар роҳи оину дин,
На аз роҳи хашму на аз рӯи кин».

www.sattor.com

«Сапенудро ҷуфти Баҳромшоҳ
Супурдам бад – ин номвар пешгоҳ.

Шаҳаншоҳ то ҷовидон зинда бод,
Бузургон ҳама пеши ӯ банда бод[1].

Чу ман бугзарам з - ин сипанҷи сарой,
Ба Қаннуҷ Баҳром шоҳ аст рой.

Зи фармони он тоҷвар магзаред,
Тани мурдаро пеши оташ баред.

Супоред ганҷам ба Баҳромшоҳ,
Ҳамон кишвару коху тахту[2] кулоҳ»,[3]

Сапенудро дод маншури Ҳинд
Навишта хати ҳиндувӣ бар паринд.

Ба Эрон ҳаме буд Шангул ду[4] моҳ,
Фиристод пас меҳтаре[5] назди шоҳ.

Ба дастурии бозгаштан ба ҷой
Худу номдорони фархундарой.

Бад – он шуд шаҳаншоҳ[6] ҳамдостон,
Ки ӯ бозгардад ба Ҳиндустон.

Зи чизе, ки бошад ба Эронзамин,
Бифармуд, то кард мӯбад гузин.

Зи динор в – аз гавҳари симу зар,
Зи тахту зи тоҷу зи теғу[7] камар,

Зи дебову аз ҷомаи нобисуд,
Ки онро шумору карона набуд.

Бар андоза ёрон-шро ҳамчунин
Биёрост аспону дебои Чин.

---

1. И – б. 2460 нест.
2. И – бому гоҳу
3. Л – тоҷу гоҳу сипоҳ,
4. И – се
5. И – Расуле фиристод пас.
6. И – кор шуд шоҳ
7. Н – кулоҳу

www.sattor.com

Гусӣ кардашон шоду хушнуд шоҳ,
Се[1] манзил ҳаме ронд бо ӯ ба роҳ.

Набуд ҳам бар ин ҳадя ҳамдостон,
Алаф дод то марзи Ҳиндустон.

БАХШИДАНИ БАҲРОМИ ГӮР ХИРОҶ БА ДЕҲҚОНОН

Чу бозомад аз роҳ Баҳромшоҳ,
Ба ором биншаст бар пешгоҳ.

Зи маргу зи рӯзи бад андеша кард,
Дилаш гашт пурдарду рухсора зард.

2475 Бифармуд, то пеши ӯ шуд дабир,
Сарфароз мӯбад, ки будаш вазир.

Ҳаме хост, то ганҷҳо бингарад,
Зару гавҳару ҷомаҳо бишмарад,

Ки ӯро[2] ситорашумар гуфта буд,
Зи гуфтори эшон барошуфта буд,

Ки бошад туро зиндагонӣ се бист,
Чаҳорум зи маргат бибояд гирист.

Ҳаме гуфт, шодӣ кунам бист сол,
Ки дорам ба рафтан зи гетӣ ҳамол.

2480 Дигар бист аз доду бахшиш ҷаҳон
Кунам рост дар[3] ошкору ниҳон.

Намонам, ки вайрон бувад гӯшае,
Биёбад зи ман ҳар касе тӯшае.

Севум бист бар пеши Яздон ба пой
Бибошам, магар бошадам раҳнамой.

1. Л – Ду.
2. Л – бо ӯ
3. ИЛ – бо

www.sattor.com

Ситорашумар шасту сесола гуфт,
Шумори се солаш буд андар нуҳуфт.

Зи гуфти ситорашумар дид ранҷ,
Агарчанд будаш ба харвор ганҷ.

Хунук марди беранҷу парҳезкор,
Бавижа касе, к – ӯ бувад шаҳрёр.[1]

Чу дастури шаҳ баргирифт он шумор,
Пурандеша омад бари шаҳрёр.

Бад – ӯ гуфт: «То бисту се сол низ,
Ҳамоно ниёзат наёяд ба чиз.

Зи хӯрду зи бахшиш гирифтам шумор
Дирамҳои ин лашкари номдор.

Фиристодае низ, к – ояд барат,
Зи шоҳону аз номвар кишварат,

Бар ин сол ганҷи ту оростаст,
Ки пур зарру сим асту пур хостаст».

Чу бишнид Баҳром, андеша кард,
Зи дониш ғами норасида нах(в)ард.

Бад – ӯ гуфт: «Кӯтоҳ шуд доварӣ,
Ки гетӣ се рӯз аст, чун бингарӣ.

Чу дӣ рафту фардо наёмад ҳанӯз,
Набошем аз андеша имрӯз кӯз.

Чу бахшиданӣ бошаду тахту тоҷ,[2]
Зи гетӣ нахоҳем аз ин пас[3] хироҷ».

Бифармуд пас, то хироҷи ҷаҳон,
Нахоҳанд низ аз кеҳону меҳон.

Ба ҳар шаҳр марде падидор кард,
Сари хуфта аз хоб бедор кард,

1. И – б. 2485 нест.
2. Л – бошад ин тахти оҷ,
3. Л – Нахоҳем аз ин пас зи гетӣ

www.sattor.com

Бад – он то начӯянд пайкори бад,
Наёяд зи пайкор чуз кори бад.

Зи ганҷ ончи боистшон хӯрданӣ,
Зи пӯшиданӣ ё зи густурданӣ,

Бад – ин пурхирад мӯбадон дод гуфт,
Ки «Неку бад аз ман набояд нуҳуфт.

Миёни суханҳо миёнҷӣ буведц,
Махоҳед чизе гувонҷӣ буведц.

Маро аз баду нек огаҳ кунед,
Зи бадҳо гумонем кӯтаҳ кунед.

Пароканда шуд мӯбад андар[1] ҷаҳон,
Намонд эч кину бад андар[2] ниҳон.

Бад – он бихрадон корҳо баста шуд,
Зи ҳар кишваре нома пайваста шуд,

Ки аз доду бекораву хоста
Хирад шуд ба мағз-андарун коста.

Зи бас ҷангу хун рехтан дар ҷаҳон,
Ҷавонон надонанд[3] арҷи меҳон.

Дил оганда гардад[4] ҷавонро ба чиз,
Наяндешад аз мӯбаду шоҳ[5] низ».[6]

Бар ин гуна чун нома пайваста шуд,
Зи хун рехтан шоҳ дилхаста шуд.

Зи ҳар кишваре[7] кордоре гузид
Пур аз доду[8] дониш чунон чун сазид.

---

1. И – ин сухан дар
2. И – Баду нек чизе намонад
3. ИЛ – бидонанд
4. И – чун шуд
5. И – аз шоҳу мӯбад ба
6. ТПЗИ – Зи бешӣ ба кажжӣ ниҳоданд рӯй,
Пур аз ранҷ гаштанду пархошҷӯй.
Кашоварзу деҳқону бекормард,
Ҳама разм ҷӯянду нангу набард.
7. Л – гӯшае
8. И – Або рою

www.sattor.com

Ҳам аз ганҷ шуд[1] пӯшишу хӯрдашон,
Зи бахшидану низ[2] густурдашон,

Ки шаш моҳ девон биёростӣ,
В – аз он зердастон дирам хостӣ.

Ниҳодӣ бар он сим номи хироҷ,
Ба девон ситонанда бо фарру тоҷ.

Ба шаш моҳ бистад, ба шаш боз дод,
Набудӣ ситонанда з – он сим шод.

Бад – он чора то марди бекор хун
Нарезад, набошад ба бад раҳнамун.

В – аз он пас навиштанд корогаҳон,
Ки аз дод шуд эманӣ аз ҷаҳон,

Ки ҳар к- аш дирам буд, хироҷаш набуд,
Ба сар – ш-андарун довариҳо фузуд.

Зи бешӣ[3] ба кажжӣ[4] ниҳоданд рӯй,
Пурозор[5] гаштанду пархошҷӯй.[6]

Чу ин нома бархонд Баҳроми Гӯр,
Ба дил-ш[7] андарафтод аз он[8] кор шӯр.

Зи ҳар кишваре марзбонон гузид,
Пур аз дод дилшон чунон чун сазид.

Бифармуд, к-онро, ки резанд хун,
Гар оранд кажжӣ ба дод-андарун,

Биронед фармони Яздон бад-ӯй,
Бад-он то шавад ҳар касе чораҷӯй.[9]

---

1. Л – буд
2. Л – боз
3. Л – пурӣ
4. И – кундӣ ба тезӣ
5. Л- Пур аз ранҷ
6. И – пайкорҷӯй.
7. И – дил
8. И – з-он
9. ТПЗИЛ – Зи* даргоҳ яксола рӯзӣ бидод,
   Зи Яздони некидиҳиш кард ёд.

   * Л - Ба

www.sattor.com

Баромад бар ин - бар басе рӯзгор,
Яке нома фармуд пас шаҳрёр

Сӯи ростгӯёну[1] корогаҳон,
Кучо ӯ[2] пароканда буд дар чаҳон,

Ки «Андар ҷаҳон чист носудманд,
Ки орад бад-ин подшоҳӣ газанд?».

Навиштанд посух, ки «Аз доди шоҳ
Нагардад касе гирди оину роҳ.

Бишуд рою андешаи кишту варз,
Ки мардум зи варзиш ҳаме гирад арз,[3]

Пароканда бинем говони кор,
Гиё руста аз кишту аз киштзор.[4]»

Чунин дод посух, ки «То ним рӯз,
Ки боло кашад меҳри[5] гетифурӯз,

Набояд баросудан аз кишту варз,
Касе к – аш кашоварзӣ ӯрост арз.[6]

Дигар нимаро хобу осоиш аст,
В – агар хӯрдану кому ороиш аст,[7]

Касе, к-ӯ надорад ҳаме тухму гов,
Ту бо ӯ ба тундиву зуфтӣ маков.

Ба хубӣ[8] наво кун ту ӯро зи ганҷ,
Кас аз нестӣ то набошад ба ранҷ,

---

1. И – корҷӯёну
2. И – Куҷошон
3. ИЛ – Ба ҳар сӯ гиё русту бекор марз.
4. Л- дар дашту дар марғзор.
5. Л – гирад чархи
6. Л – Набояд кас осуда аз кори варз,
Ки мардум зи варзиш ҳамегирад арз.
7. ТПМ – Касе к-ӯ биёсояд аз кишту варз,
Зи беварзмардум маҷӯед арз,
Ки бекории ӯ зи бедонишист,
Ба бедонишон - бар бибояд гирист.
8. Л-чарбӣ

www.sattor.com

Гар эдун, ки бошад зиён аз ҳаво,
Набошад касе бар ҳаво подшо.

Чу ҷое бипӯшад заминро малах,
Барад сабзии киштмандон ба шах,

Ту аз ганҷ товони он боздеҳ,
Ба кишвар зи фармуда овоз деҳ,

В-агар нобарӯманд роҳе[1] бувад,
В-агар бар замин гӯргоҳе[2] бувад,

Ки нокишта бошад ба гирди[3] ҷаҳон,
Зи марзи фурӯмоягону[4] меҳон.

Аз ин ҳар чӣ[5] гуфтам, махоҳед чиз,
В-агар кас ситонад аз он як пашиз.[6]

Касе к-ӯ бар ин[7] пойкори ман аст,
Агар[8] вижа парвардгори ман аст,

Кунам зинда дар гӯр ҷое, ки ҳаст,
Мабодаш нишему мабодаш нишаст».

Ниҳоданд бар нома- бар мӯҳри шоҳ,
Ҳаюне барафканд ҳар сӯ ба роҳ.[9]

ХОНДАНИ БАҲРОМИ ГӮР ЛӮРИЁНРО АЗ ҲИНДУСТОН

В-аз он пас ба ҳар мӯбаде нома кард,
Касеро,[10] ки дарвеш буд, ҷома кард.

Бипурсидашон, гуфт: «Беранҷ кист,
Ба ҳар ҷой дарвешу беганҷ кист?

1. Л-бар замин варзгоҳе
2. Л- Магар з-он барӯманд роҳе
3. И- монад ба рӯи
4. И-Замини фурӯмоягони
5. И- кӣ.
6. Л-б.2539 нест.
7. Л-Касеро, ки вай
8. Л-В-агар
9. И-б.2542 нест.
10. Л – Ба ҷое,

www.sattor.com

Зи кори ҷаҳон яксар огаҳ кунед,
Диламро сӯи равшанӣ раҳ кунед».

Биёмад – ш посух зи ҳам мӯбаде,
Зи ҳар номдореву[1] ҳар бихраде,

Ки обод бинем рӯи замин,
Ба ҳар ҷой пайваста гашт[2] офарин.

Магар марди дарвеш, к – аз шаҳрёр
Бинолад ҳаме в – аз бади рӯзгор,

Ки чун май гусорад тавонгар ҳаме,
Ба сар-бар зи гул дорад афсар ҳаме.

Бар овози ромишгарон май х(в)арад,[3]
Чу мо мардумонро ба кас нашмарад.[4]

Тиҳидаст беруду гул май х(в)аранд,[5]
Тавонгар ҳамон ҷону дил парваранд».[6]

Бихандид аз он нома бисёр шоҳ,
Ҳаюне барафканд пӯён ба роҳ.

Ба наздики Шангул фиристод кас,
Чунин гуфт, к – «Эй шоҳи фарёдрас,

Аз он лӯриён баргузин даҳ ҳазор
Нару мода бар захми барбат савор».[7]

Чу лӯрӣ биёмад ба наздики[8] шоҳ,
Бифармуд, то баркушоданд роҳ.

1. И – кордореву
2. И – шуд
3. Л – хӯред,
4. Л – Машмаред; И – Тавонгар надорад ҳамоно хирад.
5. Л – хӯрад,
6. Л – Ҳамоно надорад хирад»;
И – Хӯрад марди дарвеш беною руд,
Ситам худ ҳамин аст, бо оби руд,
7. ТПЗ – Чу нома ба наздики Шангул расид,
Сар аз фахр бар чархи кайвон кашид.
Ҳамон гоҳ Шангул гузин кард зуд
Зи лӯрӣ, куҷо шоҳ фармуда буд.
8. И – баромад ба даргоҳи

www.sattor.com

Ба ҳар як яке гов доду харе,
Зи лӯрӣ ҳаме хост барзигаре.

Ҳамон низ харвори гандум ҳазор,
Бад – эшон супурд, он ки буд пойкор,[1]

Бад – он, то биварзад ба гову ба хар,
Зи гандум кунад тухму орад ба сар.

Кунад пеши дарвеш ромишгарӣ
Варо ройгонӣ[2] кунад кеҳтарӣ.[3]

2560 Бишуд лӯриву гову гандум бих(в)ард,
Биёмад сари сола рухсора зард.

Бад – ӯ гуфт шоҳ: «Ин на кори ту буд
Парокандани тухму кишту даруд.

Харе монд, акнун буна барниҳед,
Бисозед рӯду бирешим[4] диҳед».[5]

Кунун лӯрӣ аз пок гуфтори ӯй
Ҳаме гардад андар ҷаҳон чораҷӯй.

Сагу гург ҳамсояву ҳомроҳ,
Ба дуздӣ шабу рӯз пӯён ба роҳ.

СИПАРӢ ШУДАНИ РӮЗГОРИ БАҲРОМИ ГӮР

2565 Бад – ин сон ҳаме хӯрд шасту се сол,
Кас андар замона набудаш ҳамол,

Сари соли нав пеши ӯ шуд вазир,
Хирадманд мӯбад, ки будаш дабир,

1. И – ончи омад ба кор.
2. Л – В – ар озодагонро
3. И – б. 2559 нест.
4. И – Бирешим бисозеду захма
5. И – Пас аз б. 2562 ин б. омада:
Ҳамасола гардед гирди ҷаҳон,
Накӯҳида назди кеҳону меҳон.

www.sattor.com

Ки шуд ганҷи шохи бузургон тиҳӣ,
Кунун омадам, то чӣ фармон диҳӣ?

«Ҳар он кас, ки дорад равонаш хирад,
Ба моли хироҷӣ ба мо нангарад».[1]

Чунин дод посух, ки «Бешӣ масоз,
Ки гаштем аз ин сохтан бениёз.

Ҷаҳонро бад – он бозҳил, к – офарид,
В – аз ӯ омад ин чархи гардон[2] падид.

Ҳаме бугзарад чарху Яздон ба ҷой,
Ба некӣ марову туро раҳнамой».

Бихуфт он шабу бомдоди пагоҳ
Биёмад ба даргоҳ бемар сипоҳ.

Гурӯҳе, ки боист карданд гирд,
Бари шоҳ шуд пури ӯ Яздгирд.

Ба пеши бузургон бад – ӯ дод тоҷ,
Ҳамон тавқи боёраву тахти оҷ[3].

Парастидани Эзад омад-ш рой,
Бияндохт тоҷу бипардохт ҷой.

Гирифташ зи кирдори гетӣ шитоб,
Чу шаб тира шуд,[4] кард оҳанги хоб.

Чу бинмуд даст офтоб аз нишеб,
Дили мӯбади шоҳ шуд пурниҳеб,

Ки шоҳи ҷаҳон барнахезад ҳаме,
Магар к-аз каронон гурезад ҳаме.

Биёмад ба назди падар Яздгурд,
Чу дидаш каф андар даҳонаш, фусурд.

1. Л – соле хироче ба мо биспурад.
2. И – ин офариниш.
3. И – б. 2573, 2574 нест.
4. И - Шаби тирагун

www.sattor.com

Варо дид пажмурда ранги рухон,
Ба дебои зарбафт – бар дода ҷон.

Чунин асту ин буд, то буд рӯз,
Ту дилро ба ози фузунӣ масӯз.

Битарсад дили сангу оҳан зи марг,
Ҳам эдар туро сохта нест барг,

Беозориву мардумӣ боядат,
Гузашта чу хоҳӣ, ки нагзоядат.

Бишуд шоҳ Баҳроми боёлу гурз,
Набошад бар айвон чунон дасту бурз.[1]

Набуду набошад чун ӯ низ шоҳ,
Худоё, равонаш бишӯй аз гуноҳ.

Ба мину равонаш пур аз нур дор,
Ҳамасола ҷонаш зи бад дур дор!

Чиҳил рӯз сӯги падар дошт шоҳ,
Бипӯшид лашкар кабуду сиёҳ.

Чу дар дахма рафт он шаҳаншоҳи гурд,
Ту гуфтӣ, ки бахшиш зи гетӣ бибурд.

Набинад чу ӯ шоҳ хуршеду моҳ,
На зӯҳра, на кайвон, на тахту кулоҳ.

Дареғ он кайӣ фарру он чеҳру бурз,
Дареғ он баланд ахтару дасту гурз.

Бад – ӯ буд ороста тахту тоҷ,
Зи Руму зи Чин бистад ӯ сову боҷ.

Чунон шуд, ки дарвеши бенону об
Чӣ суд омадаш мардиву ҷангу тоб.

1. Л – пас аз б. 2584 ин б. омада:
Ҳаме нав кунам бахшишу доди ӯй,
Мабодо, ки гирам ба бад ёди ӯй.

www.sattor.com

Чу камтӯша бо ӯ ба рафтан якест,
Ҳам эдун бар ӯ доғу дард андакест.

Чӣ бояд ҳаме подшоҳиву ноз,
Чу дар подшоҳӣ намонӣ дароз?!

Хунук марди дарвеши бодину ҳуш,
Фаровон ҷаҳонаш бимолид гӯш,

Ки чун бугзарад з – ин ҷаҳон, номи нек
Бимонад аз ӯ ҳам саранҷоми нек.

Бад – он гетӣ ӯро бувад баҳрае,
Ба наздики Яздон бувад шӯҳрае.

На чун ман бувад хору баргаштабахт,
Ба дӯзах фиристода ноком рахт.

На уммеди уқбо, на дунё ба даст,
Саросема аз ҳар ду бар сони маст.[1]

Кунун гар кунад мағзам андеша гирд,
Бигӯям ҷаҳон ҷустани Яздгирд.

1. ИЛ – б. 2599 нест.

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ ЯЗДГИРД ПИСАРИ БАҲРОМИ ГӮР

Ҳаждаҳ сол буд

БАР ТАХТ НИШАСТАНИ ЯЗДГИРД ВА АНДАРЗ КАРДАН БА САРДОРОН

Чу шуд подшо бар ҷаҳон Яздгирд,
Сипоҳи парокандаро кард гирд.

Нишастанд пас мӯбадону радон,
Бузургону солорфаш бихрадон,[1]

Ҷаҳонҷӯй бар тахти заррин нишаст,
Дари ранҷу дасти бадиро бубаст.

Нахустин чунин гуфт, к-«Ӯ аз[2] гуноҳ
Баросуд, эмин шуд аз кинахоҳ.

Ҳар он кас, ки дил тира дорад зи рашк,
Мар он дардро дев бошад пизишк,

Ки рашк оварад озу гурму ниёз,
Дижогоҳ деве бувад кинасоз.

Мар он чиз, к-онат наёяд писанд,
Макун ҳеҷ касро бад-он дардманд.

Мудоро хирадро бародар бувад,
Хирад бар сари дониш афсар бувад.

Ба ҷойи касе гар ту некӣ кунӣ,
Мазан бар сараш, то дилаш нашканӣ.

Чу некикуниш бошиву бурдбор,
Набошӣ ба чашми хирадманд хор.

Агар бахти пирӯз ёрӣ диҳад,
Маро бар ҷаҳон комгорӣ диҳад,

Яке дафтаре созам аз ростӣ,
Ки напзирад он кажживу костӣ».

1. И-б 2 нест.
2. Л-к.-Он к-аз

www.sattor.com

Ҳаме дошт якчанд гетӣ ба дод,
Замона бад-ӯ[1] шоду ӯ низ шод.

Ба ҳар сӯ фиристод бемар сипоҳ,
Ҳаме дошт гетӣ зи душман нигоҳ.

Даҳу ҳашт бугзашт сол аз бараш,
Бинолид, чун тира гашт афсараш.

Бузургону донандагонро бихонд,
Бари тахти заррин ба зону нишонд.

Чунин гуфт, к-«Ин чархи нопойдор
На парварда донад, на парвардгор.

Ба тоҷи гаронмоягон нангарад,
Шикоре ки ёбад, ҳаме бишкарад.

Кунун рӯзи ман бар сар омад ҳаме,
Ба нерӯ шикаст андар омад ҳаме.

Супурдам ба Ҳурмуз кулоҳу нигин,
Ҳама лашкару ганҷи Эронзамин.

Ҳама гӯш дореду фармон кунед,
Зи фармони[2] мо[3] ромиши ҷон кунед.

Агарчанд Пирӯзи бофарру ёл,
Зи Ҳурмуз фузун аст чанде[4] ба сол,

Зи Ҳурмуз ҳаме ёбам оҳистагӣ,
Хирадмандиву шарму шоистагӣ».

Бигуфт ину як ҳафта з-он пас бизист,
Бирафту бар ӯ тахт чанде гирист.

Агар сад бимонӣ, агар бисту панҷ,
Бибояд-т рафтан зи ҷои сипанҷ.

Ҳар он чиз, к-ояд ҳаме дар шумор,
Сазад, гар нахонӣ варо пойдор.

1. И-аз ӯ
2. Л-паймони
3. И-гуфтори ӯ
4. Л-чандин

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ ҲУРМУЗ ПИСАРИ ЯЗДГИРД

Як солу як моҳ буд

БАР ТАХТ НИШАСТАНИ ҲУРМУЗ ВА СИТАДАНИ ТОҶИ Ӯ БАРОДАРАШ ПИРӮЗ

Чу Ҳурмуз баромад ба тахти падар,
Ба сар барниҳод он кайӣ тоҷи зар.

Ту Пирӯзро вижа гуфтӣ зи[1] хашм,
Ҳаме оби рашк[2] андаромад ба чашм.

Сӯи шоҳи Ҳайтол шуд ногаҳон
Або лашкару ганҷу чанде меҳон.

Чағонишаҳе буд, Фағониш ном
Ҷаҳонҷӯю болашкару ганҷу ком.[3]

Фағонишро гуфт, к-«Эй некхоҳ,
Ду фарзанд будем зебои гоҳ.

Падар тоҷи шоҳӣ ба кеҳтар супурд,
Чу бедодгар буд, супурду[4] бимурд.

Чу лашкар диҳӣ мар маро[5] ганҷ ҳаст,
Силеҳу бузургиву[6] нерӯи даст».

Чағонӣ бад-ӯ гуфт, к-«Оре, равост,
Ҷаҳондорро ҳам писар подшост.

Ба паймон супорам сипоҳе туро,
Намоям сӯи дод роҳе туро,

Ки бошад маро Тирмизу Висагирд,
Ки худ аҳд ин дорам аз Яздгирд».

---

1. ИЛ-ба
2. И-зард
3. И-б. 4 нест.
4. Л-бибуду
5. И- маро гар ту лашкар диҳӣ
6. И- Бузургиву гурдиву

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт Пирӯз, к-«Оре, ту рост,
Фузун з-он ҳама подшоҳӣ туростׅ».

Бад-ӯ дод шамшерзан сӣ ҳазор
Зи ҳайтолиён лашкаре номдор.

Сипоҳе биёвард Пирӯзшоҳ,
Ки аз гард торик шуд чархи[1] моҳ.

Баровехт бо Ҳурмузи шаҳрёр,
Фаровон набардошт он корзор.

Саранҷом Ҳурмуз гирифтор шуд,
Ҳама тоҷҳо пеши ӯ хор шуд.

Чу Пирӯз рӯи бародар бидид,
Дилаш[2] меҳру пайванди ӯ баргузид.

Бишуд тез, бигрифт[3] дасташ ба даст,
Бифармуд, то борагӣ барнишаст.

Фиристод бозаш[4] ба айвони хеш,
Бар ӯ хонд он аҳду паймони хеш.

Бад-ӯ гуфт Ҳурмуз, ки «Яздон сипос,
Ки доно бувад марди яздоншинос,

Ки аз ман бародар ситад тоҷу тахт,
Ки Пирӯзро бод пирӯз бахт».[5]

1. Л- чарху; И-хуру
2. Л-Ҳама
3. Л-бибсуд
4. И-ӯро
5. И-б. 20 нест.

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ ПИРӮЗ - ПИСАРИ ЯЗДГИРД

Ёздаҳ солу чаҳор моҳ буд

БАР ТАХТ НИШАСТАНИ ПИРӮЗ ВА ХУШКӢ ҲАФТ СОЛ АФТОДАН БАР ЗАМИНИ ЭРОН

Зи Ҳурмуз чу Пирӯз дилшод шуд,
Равонаш зи андеша озод шуд,[1]

Биёмад, ба тахти кайӣ барнишаст,
Чунон чун бувад шоҳи яздонпараст.

Нахустин чунин гуфт бо меҳтарон,
Ки «Эй пурҳунар богуҳар сарварон,[2]

Ҳаме хоҳам аз довари бениёз,
Ки бошад маро зиндагонӣ дароз,

Ки кеҳтар ба кеҳ дораму меҳ ба меҳ,
Фаровонхирад бошаму рӯзбеҳ,

Сари мардумӣ бурдборӣ бувад,
Сабуксар ҳамеша ба хорӣ бувад.

Сутуни хирад доду бахшоиш аст,
Дари бахшиш ӯро чу ороиш аст.

Забон чарбу гӯяндагӣ фарри ӯст,
Далериву мардонагӣ парри ӯст.[3]

Ҳар он номвар, к-ӯ надорад хирад,
Зи тахти бузургӣ куҷо бар хӯрад?!

Хирадманд ҳам низ ҷовид нест,
Фаре бартар аз фарри Ҷамшед нест.

Чу тоҷаш ба моҳ- андар омад, бимурд,
Нишасти кайӣ дигареро супурд.

1. И-б. 21 нест.
2. И- Чунин гуфт бо номвар кеҳтарон,
Ки «Эй пурҳунар кеҳтару меҳтарон.
3. Л-б. 7, 8 нест;

www.sattor.com

Намонда бар ин хок ҷовид кас,
Зи ҳар бад ба Яздон паноҳеду бас».

Ҳаме буд як сол бедоду панд,
Хирадманду аз[1] ҳар баде бегазанд.

Зи тангӣ ба ҷӯй об чун мушк шуд,
Дигар сол рӯи ҳаво хушк шуд.

Се дигар ҳамон буду чорум[2] ҳамон,
Зи хушкӣ набуд эч[3] кас шодмон.

Ҳаворо даҳон хушк чун хок шуд,
Ба ҷӯй- андарун об тарёк шуд.

Зи бас мурдани мардуму чорпой
Паеро набуд бар замин низ ҷой.

Шаҳаншоҳи Эрон чу дид он шигифт,
Хироҷу газет аз ҷаҳон баргирифт.

Ба ҳар шаҳр, к-анбор будаш ниҳон,
Бубахшид бар кеҳтарону меҳон.

Хурӯше даромад[4] зи даргоҳи шоҳ,
Ки Эй номдорони бодастгоҳ,

Ғала ҳарчи доред, бипроканед,[5]
Зи динори Пирӯз ганҷ оганед.

Ҳар он кас, ки дорад ниҳонӣ ғала,
В-агар гову гар гӯсфанди яла,

Ба нархе фурӯшад, ки ӯро ҳавост,
Ки аз хӯрдани ҷонҳо[6] бенавост.

Ба ҳар кордореву худкомае,
Фиристод тозон яке номае,

1. Л-в-аз
2. Л-ҳамону чаҳорум
3. ИЛ-ҳеҷ
4. Ил-баромад
5. Л- Зи хурд ончи доред, бипроганед,
6. И-одамӣ: Л-ҷонвар

www.sattor.com

Ки анборҳо баркушоянд[1] боз,
Ба гетӣ- бар[2] он кас, ки ҳасташ ниёз.

Касе, к-ӯ бимирад зи ноёфти нон,
Зи барнову аз пирмарду занон,[3]

Бирезам зи тан хуни анбордор,
Ки ӯ кори Яздон гирифтаст хор.[4]

Бифармуд, то хона бугзоштанд,
Ба дашт омаданд, даст бардоштанд.

Ҳаме б-осмон андар омад хурӯш
Зи бас мӯяву зориву дарду[5] ҷӯш.

Зи кӯҳу зи ҳомуну аз дашту ғор
Зи Яздон ҳаме хостӣ зинҳор.

Бар ин гуна то ҳафт[6] сол аз ҷаҳон
Надиданд сабзӣ кеҳону меҳон.

Ба ҳаштум биёмад[7] маҳи фарвадин,
Баромад яке абри боофарин.

Ҳаме дурр(у) борид[8] дар хоки хушк,
Ҳаме омад аз бӯстон бӯи мушк.

Пур аз жола аз чанги гулбун[9] қадаҳ,
Ҳаме тофт аз чарх қавси қузаҳ.

Замона бираст аз бади бадгумон,
Ба ҳар ҷой бар зеҳ[10] ниҳода камон.

---

1. ИЛ- дар кушоянд
2. И- Зи гетӣ ҳар
3. И- Зи хурду бузургу зи пиру ҷавон,
4. ТПЗ – Миёнаш бибуррам ба шамшери тез,
   Барангезам аз ҷони ӯ растахез.
5. И- гиряву нолаву бонгу
6. И-бар ҳашт
7. И-Нӯҳум чун баромад
8. И-дур биборид
9. Л-Шуда жола бар гул чу мул дар
10. И- бе зеҳ

www.sattor.com

ҶАНГИ ПИРӮЗ БО ТӮРОНИЁН

Чу Пирӯз аз он рӯзи тангӣ бираст,
Ба ором бар тахти шоҳӣ нишаст.

Яке шорсон кард Пирӯз, Ром —
Бифармуд, к-ӯро ниҳоданд ном.

Ҷаҳондори гӯянда гуфт: «Ин Рай аст,
Ки ороми шоҳони фаррухпай аст».

Дигар кард Бодони Пирӯз ном,
Ҳама ҷои шодиву[1] орому ком,[2]

Ки акнун-ш хонӣ ҳаме Ардабайл,[*3]
Ки Қайсар бад-ӯ дорад аз дод майл.

Чу ин бумҳо яксар обод кард,
Дили мардуми пурхирад шод кард.

Дирам дод, то[4] лашкари номдор
Сӯи ҷанги туркон баророст кор.

Бад-он ҷанг Ҳурмуз будаш пешрав,
Ҳаме рафт бо корсозони нав.

Қубод аз паси пушти Пирӯзшоҳ
Ҳаме ронд чун бод лашкар ба роҳ,

Ки Пирӯзро покфарзанд буд,
Хирадманду шохе барӯманд буд.

Балош аз бари тахт биншаст шод,
Ки кеҳтарписар буд бофарру дод.

Яке порсе буд, бас номдор,
Ки Сархоб-ш хондӣ ҳаме шаҳрёр.[5]

Бифармуд Пирӯз, к-«Эдар бибош
Чу дастури покиза пеши Балош».

1. Л- Хандида ба ҳар ҷой
2. И-б. 39 нест.
3. Ардабил
4. И-бо.
5. Л-б. 43-47 нест.

www.sattor.com

Сипаҳро сӯи ҷанги туркон[1] кашид,
Ҳаме тоҷу тахти бузургон кашид.

Ҳаме ронд бо лашкару ганҷу соз,
Ки пайкор ҷӯянд бо Хушнавоз.

Нишоне, ки Баҳроми ял карда буд,
Зи пастӣ баландӣ бароварда буд.

Навишта яке аҳди шоҳаншаҳон,
Ки аз турку эрониён дар ҷаҳон

Касе з-ин нишон ҳеҷ барнагзарад,
На аз рӯд берун ба пай наспарад.

Чу Пирӯзи шеравжан он ҷо расид,
Нишонкардаи шоҳи Эрон бидид,

Чунин гуфт яксар ба гарданкашон,
Ки «бар пеши туркон бар ин ҳамнишон

Манора барорам ба шамшеру ганҷ,
Зи Ҳайтол то кас набошад ба ранҷ.

Чу бошад манора ба пеши Тарак,
Бузургон ба пеши ман оранд чак.

Бигӯям, ки ин кард Баҳроми Гӯр,
Ба мардиву доноиву фарру зӯр,

Намонам ба ҷое пайи Хушнавоз,
Ба Ҳайтол турк аз нишебу фароз».

НОМАИ ХУШНАВОЗ БА ПИРӮЗ

Чу бишнид фарзанди хоқон, ки шоҳ
Зи Ҷайҳун гузар кард худ бо сипоҳ,

Ҳаме бишканад аҳди Баҳроми Гӯр,
Бар ин буму бар тоза шуд ҷангу шӯр.

Дабири ҷаҳондидаро Хушнавоз
Бифармуд, то шуд бари ӯ фароз.

1. И-марзи Тӯрон

www.sattor.com

Яке нома бинвишт бо офарин
Зи додор бар шаҳрёри замин.

Чунин гуфт, к-«Аз аҳди шоҳони дод
Ба гурдӣ нахонам-т хусравнажод.

На ин буд расми ниёкони ту,
Гузида ҷаҳондору[1] покони ту.

Чу паймони озодагон бишканӣ,
Нишони бузургон[2] ба хок афканӣ.

Маро низ паймон бибояд шикаст
Ба ночора[3] бурдан ба шамшер даст».

Ба нома зи ҳар кораш огоҳ кард,
Басе ҳадя бо нома ҳамроҳ кард.

Саворе сарояндаи сарфароз,
Ҳаме рафт бо номаи Хушнавоз.

Чу он нома бархонд Пирӯзшоҳ,[4]
Барошуфт аз он[5] номвар пешгоҳ.

Фиристодаро гуфт: «Бархезу рав,
Ба наздики он марди бемоя шав.[6]

Бигӯяш, ки то пеши рӯди Тарак,[7]
Шуморо фиристод Баҳром чак.[8]

Кунун то лаби рӯди Ҷайҳун туровст,
Баландиву пастиву ҳомун туровст.

Ман инак биёрам сипоҳе гарон,
Сарафроз гурдону ҷанговарон,[9]

---

1. Л- сарафроз
2. И-Ки аҳди ниёгон
3. Л-бечора
4. И-мӯбад ба шоҳ
5. И-бо
6. И-номвар бозшав.
7. бузург
8. Л- шоҳи сутург.
9. Им – Бузургони Эрону ҷанговарон
Ман акнун сипоҳе биёрам гарон.

www.sattor.com

Намонам ҳаме[1] сояи Хушнавоз,
Ки бошад ба рӯи замин-бар дароз».[2]

Фиристода омад ба кирдори гард,
Шунида суханҳо ҳама ёд кард.[3]

Чу гуфтор бишниду нома бихонд,
Сипоҳи парокандаро барнишонд.

Биёвард лашкар ба дашти набард,
Ҳамон[4] аҳдро бар сари найза кард,

Ки бистад ниёяш зи Баҳромшоҳ,
Ки Ҷайҳун миёнҷист моро ба роҳ.

Яке марди бинодили чарбгӯй,
Зи лашкар гузин кард бо обрӯй.

Бад-ӯ гуфт: «Наздики Пирӯз рав,
Ба чарбӣ сухан гӯву посух шунав.

Бигӯяш, ки «аҳди ниёи туро,
Баландахтару раҳнамои туро.

Ҳаме бар сари найза пеши сипоҳ
Биёрам чу хуршеди тобон ба роҳ.

Бад-он то ҳар он кас, ки дорад хирад,
Ба маншури[5] он додгар бингарад.

Маро офарин бар ту нафрин бувад,
Ҳамон номи ту шоҳи бедин бувад.

На Яздон писандат, на яздонпараст,
На андар ҷаҳон мардуми зердаст,

Ки бедод ҷӯяд касе дар[6] ҷаҳон,
Бупечад[7] сар аз аҳди шоҳаншаҳон,

---

1. Магар; И-куҷо. Ҳаме гуфт якчанд бо Хушнавоз,
2. И-Аз он шоҳи гарданкашу сарфароз; Л-Аз ин кор моро дил андар гудоз.
3. Ил-б. 76 нест.
4. И-Мар он
5. И-Сӯи аҳди
6. И- кас андар
7. И- Битобад

www.sattor.com

Ба доду ба мардӣ чу Баҳромшоҳ
Касе низ нанҳод бар сар кулоҳ.

Бар ин-бар ҷаҳондор Яздон гувост,
Ки ӯро гуво хостӣ[1], носазост.

Ки бедод ҷӯӣ ҳаме ҷанги ман,
Чунин бо сипаҳ кард оҳанги ман.

Набошӣ дар ин ҷанг пирӯзгар,
Наёбӣ ҳамон з-ахтари нек бар.

Аз ин пас нахоҳам фиристод кас,
Бад-ин ҷанг Яздон маро ёр бас».

Фиристода бо нома омад чу гард,
Суханҳо ба Пирӯз-бар[2] ёд кард.

Чу бархонд он номаи Хушнавоз,
Пур аз хашм шуд шоҳи гарданфароз.

Фиристодаро гуфт: «Чандон сухан
Нагӯяд, ҷаҳондида марди куҳан.

Гар аз Чоч як пай ниҳӣ пеши рӯд,
Ба нӯки синонат фиристам дуруд».

Фиристода омад бари[3] Хушнавоз,
Фаровон сухан гуфт бо ӯ[4] ба роз,

Ки «наздики Пирӯз тарси Худой
Надидам, набудаш касе раҳнамой.

Ҳама кинаву ҷанг ҷӯяд ҳаме,
Ба фармони Яздон напӯяд ҳаме!»

Чу бишнид аз ӯ он сухан Хушнавоз,
Ба Яздон паноҳиду бурдаш намоз,

1. Л-хостан
2. Л- Суханҳои Пирӯзро
3. И-баргашт зӣ
4. И-Мар ӯро бигуфт он суханҳо

www.sattor.com

Чунин гуфт, к-«Эй довари додпок,
Туӣ офаринандаи боду[1] хок,

Ту донӣ, ки Пирӯзи бедодгар
Зи Баҳром бартар[2] надорад ҳунар.[3]

Суханҳои бедод гӯяд ҳаме,
Бузургӣ ба шамшер ҷӯяд ҳаме.

Пайи ӯ зи рӯи замин баргусил
На нерӯш бодо, на дониш, на дил!»[4]

Ба гирди сипаҳ[5] - дар яке канда кард,
Сарашро бипӯшиду оганда[6] кард.

Каманде фурӯ бурда болои ӯ,
Сараш бист раш буд ба паҳнои ӯ.

Чу ин карда шуд, номи Яздон бихонд,
Зи шаҳри[7] Самарқанд лашкар биронд.

АФТОДАНИ ПИРӮЗ БА ЧОҲ ВА КУШТА ШУДАН

Аз ин рӯй пурбим дил[8] Хушнавоз
Чунин то бари канда омад фароз,[9]

В-аз он рӯй саргашта Пирӯзшоҳ,
Ҳаме тохт бо хормоя сипоҳ.

Баромад зи ҳар ду сипаҳ бӯқу кӯс,
Ҳаво шуд зи гарди сипаҳ обнӯс.

1. И-обу
2. Л-бешӣ
3. И-Баҳрому Ҳурмуз бидорад гузар.
4. И-б. 103, 104 нест.
5. И- сипоҳ ӯ
6. И- Сипаҳро ба гирдаш пароканда
7. Л-пеши
8. Л-Чу наздики он канда шуд
9. И- б. 108 нест; Л-Ҳаме гуфт бо довари пок роз.

www.sattor.com

Чунон тирборон шуд аз ҳар ду рӯй,
Ки чун об хун андаромад ба ҷӯй.[1]

Чу омад ба наздикии Хушнавоз,
Сипаҳдори туркон аз ӯ гашт боз.

Инонро бупечиду бинмуд пушт,
Паси ӯ сипоҳ андаромад дурушт.[2]

Барангехта бора Пирӯзшоҳ,
Ҳаме тофт бо хормоя сипоҳ.

Ба канда дарафтод бо чанд мард,
Бузургону[3] шерони рӯзи набард.

Чу Нарсӣ бародар-шу[4] фаррух Қубод,
Бузургону шоҳони фаррухнажод,

Бар ин сон нагун шуд сари ҳафт шоҳ,
Ҳама номдорони арринкулоҳ.[5]

В-аз он ҷойгаҳ шоддил Хушнавоз
Ба наздикии канда омад фароз,

Баровард аз он канда, ҳар кас ки зист,
Ҳаме тахт бар бахти эшон гирист.

Шикаста сару пушти Пирӯзшоҳ,
Сари номдорони ботоҷу гоҳ.

Зи шоҳон набуд зинда кас ҷуз Қубод,
Шуд он лашкару подшоҳӣ ба бод.

Ҳаме ронд бо коми дил Хушнавоз,
Сарафроз бо лашкари размсоз.

---

1. ТПЗЛ – Ҳамон гоҳ чун гард* Пирӯзшоҳ,
Ҳаме ронд бо гурзу румӣ кулоҳ.
* Л- В-аз он рӯй чун бод.
2. И-б. 110-113 нест.
3. И- Далерону
4. Л-Хурӯше баромад зи
5. ТПЗМ – Бузургону пайкорҷӯён ҳамон
Касеро, ки бар канда омад замон.

www.sattor.com

Ба тороҷ дод он сипоҳу буна,
На кас майсара дид, на маймана.

Аз эрониён чанд бурданд асир,
Чи афканда бар хоки тира ба тир.

Набояд, ки бошад ҷаҳонҷӯй зуфт,
Дили зуфт бо хоки тира-ст ҷуфт.

Чунинояд ин чархи нопойдор,
Чи бо зердасту чи бо шаҳрёр.

Бипечонад онро, ки худ парварад,
Агар беҳуш аст, ар сутуни хирад.

Намонад бар ин хок ҷовид кас,
Туро тӯша аз ростӣ боду бас.

Чу бугзашт бар канда-бар Хушнавоз,
Сипоҳаш шуд аз хоста бениёз.

Ба оҳан бубастанд пойи Қубод,
Зи тахту нажодаш накарданд ёд.[1]

Чу огоҳӣ омад ба эронсипоҳ
Аз он кандаву разми Пирӯзшоҳ,

Хурӯше баромад зи кишвар бадард
Аз он шаҳрёрони озодмард.

Чу андар замон ин[2] сухан гашт фош,
Фуруд омад аз тахти заррин Балош.

Ҳама мӯи шоҳона аз сар[3] биканд,
Ҳаме рехт бар тахт хоки нажанд.[4]

1. И-б. 130 нест.
2. Л-ҷаҳон он
3. Л- гӯшти бозу ба дандон
4. И-б 133, 134 нест.

www.sattor.com

Сипоҳиву шаҳрӣ ба[1] Эрон ба[2] дард,
Зану марду кӯдак ҳаме мӯя кард.

Ҳама канда мӯю[3] ҳама хаста рӯй,
Ҳама шоҳгӯю ҳама шоҳҷӯй.[4]

Нишаста ҳама бо ғаму андуҳон,
Дар андешаҳо[5] кеҳтарону меҳон,[6]

Ки то чун биронанд аз Эронзамин,
Гурозанда бинанд аз он дашти кин.

1. И-аз
2. Л-зи
3. И-Зану марду кӯдак
4. И- шоҳҷӯю ҳама шоҳгӯй
5. Л-Ба андеша он
6. И-б. 137 нест.

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ БАЛОШ ПИСАРИ ПИРӮЗ

Панҷ солу як моҳу шаш рӯз буд

АНДАРЗ КАРДАНИ БАЛОШ ЭРОНИЁНРО

Чу биншаст бо сӯг моҳе Балош,
Сараш пур зи гарду рухаш пурхарош,

Сипоҳ омаду мӯбади мӯбадон,
Ҳар он кас, ки буд аз раду бихрадон,

Фаровон бигуфтанд бо ӯ зи панд,
Суханҳо, ки будӣ[1] варо судманд.

Бар он тахти шоҳиш[2] биншонданд,
Басе зарру гавҳар[3] барафшонданд.

Чу биншаст бар гоҳ, гуфт: «Эй радон!
Биҷӯед ройи дили бихрадон.

Шуморо бузургист наздики ман,
Чу равшан шавад кори[4] торики ман.

Ба гетӣ ҳар он кас, ки некӣ кунед,
Бикӯшед, то ройи мо[5] нашканед.[6]

Ҳар он кас, ки бад бошаду бадсигол,
Ки хоҳад шудан шоҳи[7] худро ҳамол,

Нахустин ба пандаш тавонгар кунем,[8]
Чу напзирад, аз хунаш афсар кунем.[9]

Ҳар он гаҳ к-аз ин[10] лашкари дарпараст
Бинолад бари мо яке зердаст,

1. И-будаш
2. И-заррин-ш
3. И-Забарчад ба тоҷаш
4. Л-ройи
5. Л-ӯ
6. Л-б. 7 нест.
7. Л-ҳаме кори
8. Л- кунед,
9. Л-кунед.
10. И-к-ӯ аз ин

www.sattor.com

Дили марди бедодгар бишканем,
Ҳаме[1] беху шохаш зи бун барканем.[2]

Мабошед густох бо подшо,
Бавижа касе, к-ӯ бувад порсо,

Ки ӯ гоҳ заҳр асту гаҳ пойзаҳр,
Ту ҷӯянда тарёк аз заҳр баҳр.[3]

Зи гетӣ ту хушнудии шоҳ ҷӯй,
Машав пеши тахташ магар[4] тозарӯй.

Чу хашм оварад шоҳ, пӯзиш гузин,
Ҳаме хон ба бедоду дод офарин.

Ҳар он гаҳ ки гӯӣ, ки «Доно шудам,
Ба ҳар донише-бар тавоно шудам».

Чунон дон, ки нодонтарӣ он замон,
Машав бар тани хеш-бар бадгумон,

Агар кор бандед панди маро,
Сухан гуфтани судманди маро,

Зи шоҳони донанда ёбед ганҷ,
Касеро зи дониш надидам ба ранҷ».[5]

Бар ӯ меҳтарон офарин хонданд,
Зи доноии ӯ фурӯ монданд.[6]

Бирафтанд хушнуд аз айвони ӯй,
Ба Яздон супурда тану ҷони ӯй.

Пур аз меҳр дилҳо, забон пурсано,
Ки ҷовид бод инчунин подшо!

1. ИЛ-Ҳама
2. И- бифканем.
3. И- аз ҳар ду ҷӯянда тарёк
4. И- Марав пеши тахташ ба чуз
5. И-б. 19 нест
6. ТПЗ – Бигуфтанд як бо дигар он сипоҳ,
Ки «З-ин шоҳ рахшанда шуд тоҷгоҳ,
Зи дидори ӯ чашми бад дур бод,
Тани бадсиголон-ш ранҷур бод».

www.sattor.com

НОМА НАВИШТАНИ СУФАРОЙ БА ХУШНАВОЗ

Бад-он гаҳ ки Пирӯз шуд сӯи ҷанг,
Яке паҳлавон ҷуст борою санг,

Ки бошад нигаҳбони тахту кулоҳ,
Балоши ҷавонро шавад[1] некхоҳ.

Бад-он кор шоиста шуд[2] Суфарой
Яке моявар буд покизарой.

Ҷаҳондида аз шаҳри Шероз буд,
Сипаҳбаддилу гарданафроз буд.

Ҳам ӯ марзбон буд ба Кобулситон,
Ба Бусту ба Ғазнину Зобулситон.

Чу огоҳӣ омад сӯи Суфарой
Зи Пирӯзи берою бераҳнамой,[3]

Зи мижгон сиришкаш ба рух барчакид,
Ҳама ҷомаи паҳлавӣ бардарид.

Зи сар баргирифтанд гурдон кулоҳ,
Ба моҳе[4] нишастанд бо[5] сӯги шоҳ.

Ҳаме гуфт бар кинаи шаҳрёр
Балоши ҷавон чун бувад хостор.

Бидонист, к-он кор бесуд гашт,
Сари тоҷи шоҳӣ пур аз дуд гашт.[6]

Сипоҳи парокандаро гирд кард,
Бизад кӯсу аз дашт бархост гард.

Фароз омадаш теғзан сад ҳазор,
Ҳама размҷӯю ҳама кинадор.[7]

---

1. ИЛ- бувад
2. Л-буд
3. И- бедонишу раҳнамой,
4. Л-Ба мотам
5. И-Пур аз ғам нишастанд пур аз
6. И-б. 32 нест.
7. И- номдор.

www.sattor.com

Дирам доду он лашкар обод кард,
Дили мардуми кинавар шод кард.

Фиристодае хост ширинзабон,
Хирадманду бедору равшанравон.

Яке нома бинвишт пурдоғу дард,
Ду дида пур аз хуну[1] рухсора зард.[2]

Ба нома-дарун пандҳо кард ёд
Зи Ҷамшеду Кайхусраву Кайқубод.

В-аз он пас фиристод назди[3] Балош,
Ки «Шоҳо, ту аз марг[4] ғамгин мабош,

Ки ин дард ҳар кас бихоҳад чашид,[5]
Шикебоиву ном[6] бояд гузид.

Зи бод омада бозгардад ба дам,
Яке дод хонад-ш,[7] дигар ситам.

Кунун ман ба дастурии шаҳрёр
Басечам бад-ин кинавар корзор,

Ки аз кинаи хуни Пирӯзшоҳ
Бинолад зи чархи фалак ҳуру моҳ.

Фиристода з-ин рӯй бардошт пой,
В-аз он рӯй гирён бишуд Суфарой.[8]

Биёрост лашкар чу парри тазарв,
Биёмад зи Зобулситон сӯи Марв.

Яке мард бугзид бедордил,
Ки оҳиста дорад ба гуфтор дил.

---

1. И-пуробу ду
2. Л-б. 37 нест
3. И-Фиристодаро гуфт: «Гӯ бо
4. И- аз марги Хусрав ту
5. И- кашид,
6. И-сабр
7. Л-хонадшу
8. И-б. 43, 44 нест.

www.sattor.com

Нависандаи номаро гуфт: «Хез,
Ки омад сари хомаро растахез.[1]

Яке нома бинвис зӣ Хушнавоз,
Ки «Эй бехирад рӯбаҳи девсоз,

Гунаҳгор кардӣ ба Яздон танат,
Шавад мӯягар бар ту пироҳанат.

Кӣ кард, ончи кардӣ ту, эй бевафо,
Бубинӣ кунун рӯзи теғи ҷафо!

Бикуштӣ ҷаҳондорро[2] бегуноҳ
Набери[3] ҷаҳондор[4] Баҳромшоҳ.

Яке кини нав сохтӣ дар ҷаҳон,
Ки он кина ҳаргиз нагардад ниҳон.

Чаро пеши ӯ чун саги чоплус
Нарафтӣ, чу бархост овои кӯс?[5]

Ниёи ту з-ин хонадон[6] зинда буд,
Падар пеши Баҳром чун банда буд,

Ман инак ба Марв омадам кинаҷӯй,
Намонам зи ҳайтолиён рангу бӯй.

Асирону он хоста ҳар чӣ ҳаст,
К-аз ин размгаҳ омадастат ба даст,

Ҳама бозхоҳам ба шамшери кин,
Ба Марв оварам хоки Тӯронзамин.

Намонам ҷаҳонро ба фарзанди ту,
На парвардаву[7] хешу пайванди ту.

1. Л-б. 46 нест.
2. Л- шаҳаншоҳро; И-ту Пирӯзро
3. Л- Набера
4. И-ҷаҳонҷӯй
5. И-надодӣ бар он хок бӯс?
6. Л-ҷойгаҳ
7. И-Бисӯзам ҳама

www.sattor.com

Ба фармони Яздон бибуррам сарат,
Зи хун ҳамчу дарё кунам кишварат.[1]

Шавӣ зери пойи сипоҳам[2] табоҳ,
Ба Яздон[3] равонаш бувад додхоҳ».

Фиристода бо номаи Суфарой
Биёмад чу шери диловар зи ҷой.

Чу ошуфта омад бари Хушнавоз,
Бишуд пеши тахту набурдаш намоз.[4]

Бад-ӯ дод пас номаи Суфарой,
Сарафрози лашкар бипардахт ҷой.[5]

Нависандаи номаро доду гуфт,
Ки «Пинҳон бигӯй, он чи хуб асту зуфт».

Ба меҳтар чунин гуфт марди дабир,
Ки «Ин нома пуртеғу гурз асту тир».

Шикаста шуд он марди ҷангозмой,
Аз он пурсухан номаи Суфарой.

Ҳам андар замон зуд посух навишт,
Сухан ҳар чи буд андарун[6] хубу зишт!

Нахустин чунин гуфт, к-«Аз Кирдгор
Битарсему аз гардиши рӯзгор,

Ки ҳар кас, ки будаст[7] яздонпараст,
Наёвард бар[8] аҳди шоҳон шикаст.

---

1. ТПЗИЛ – На кин бошад ин*, чанд гӯям дароз,
Ки аз хуни Пирӯз чун Хушнавоз.
* Л-Яке бошад ар
2. И- Шавад зери хоки сияҳ дар; Л-Шавад зери хок аз пайи ман.
3. И- Зи дӯзах
4. И- Сипаҳдор баршуд сӯи Хушнавоз,
Фуруд омаду бурд пешаш намоз.
5. И-б. 63 нест.
6. Л- андар ӯ
7. И-ӯ буд
8. И-дар

www.sattor.com

Фиристодамаш номае пандманд,[1]
Дигар[2] аҳди он шаҳрёри баланд.

Бар ӯ хор буд, он чи гуфтам[3] сухан,
На андешаи рӯзгори кухан.

Чу ӯ кинавар гашту ман чораҷӯй,
Сипаҳро чу рӯй андаромад ба рӯй.

Ба Пирӯз-бар ахтар ошуфта шуд,
На бар коми мо шоҳи ту кушта шуд.

Чу бишкаст паймони шоҳони дод,[4]
Набуд аз ҷавониш як рӯз[5] шод,

Наёмад писанди ҷаҳонофарин,
Ту гуфтӣ, ки бигрифт пояш замин.

Ҳар он кас, ки аҳди ниё бишканад,
Сари ростиро ба пай[6] афканад,

Чу Пирӯз бошад ба дашти набард,
Шикаста ба канда- дарун[7] пур зи гард.

Гар ой, туро он ҳам оростаст,
На ганҷу на ҷанговарам костаст».

Фиристода бо нома тозон зи ҷой
Ба як ҳафта омад сӯи Суфарой.

Чу бархонд он номаро паҳлавон,
Ба дашном букшод гӯё забон.[8]

Зи майдон хурӯшидани говдум
Шуниданду овози рӯинахум.

1. Л-судманд,
2. И-Або
3. И-гуфта
4. И-Ҳамон аҳди он шаҳрёрони
5. И- паймон зи шоҳони род,
6. И-Ҷавониву аз тахт
7. Л-пой; И-хок
8. И- Фитода ба гирд -андарун.

www.sattor.com

Ба Кашмеҳан овард чандон сипоҳ,
Ки хуршед бар чарх гум кард роҳ.

Бар ин ҳамнишин рӯд бугзоштанд,
Ҳама роҳро хона пиндоштанд.

РАЗМИ СУФАРОЙ БО ХУШНАВОЗ

Чу огоҳӣ омад бари[1] Хушнавоз,
Ба дашт омаду ҷангро кард соз.

Ба Байканд шуд, размгоҳе гузид,
Ки чархи равон рӯи ҳомун надид.

В-аз ин рӯй пуркина дил[2] Суфарой,
Ба кирдори бод андаромад зи ҷой.

Чу шаб тира шуд, паҳлавони сипоҳ
Ба пилони осуда барбаст роҳ.

Талоя ҳаме гашт бар ҳар ду рӯй,
Ҷаҳон шуд пур овози пархошҷӯй.

Ғави посбонону бонги ҷарас
Ҳаме омад аз дуру аз[3] пешу пас.

Чунин то падид омад он теғи[4] шед,
Дару дашт шуд чун[5] булӯри сапед.

Ду лашкар ҳаме размро сохтанд,
Дарафши бузургӣ[6] барафрохтанд.

Аз овози гурдони пархошхар
Бидаррид мар аждаҳоро ҷигар.

Ҳаво думми[7] каргас шуд аз парри тир,
Замин шуд зи хуни сарон обгир.

1. Л-сӯи
2. И-покизадил
3. Л-дур в-аз
4. И-аз чарх
5. И-Ҷаҳон гашт ҳамчун
6. И-Синонро ба гардан
7. Л-парри

www.sattor.com

Ба ҳар сӯ ки дидӣ, тале кушта буд,
Киро аз ялон рӯз баргашта буд.

Биҷунбид аз[1] қалбгаҳ Суфарой,
Сипоҳ андаромад ба тундӣ[2] зи ҷой.

В-аз он рӯй бо теғи кин Хушнавоз
Биҷунбиду омад ба тундӣ[3] фароз.

Бидид он, ки шуд рӯзгораш дурушт,
Инонро бупечиду бинмуд пушт.[4]

Чу боди дамон аз пасаш Суфарой
Ҳаме тохт бо найзаи ҷонгазой.[5]

Басе кард аз он номдорон асир,
Басе кушта шуд[6] ҳам ба шамшеру тир.

Ҳаме тохт, пеши куҳандиж расид,
Ба раҳ-бар басе куштаву хаста дид.

Зи боло нигаҳ кард пас Хушнавоз
Сипаҳро зи ҳомун нишебу[7] фароз.[8]

Ҳама роҳ[9] пуркуштаву хоста
Шуду[10] дашт чун боғи ороста.[11]

Силеҳу камарҳову аспу раҳӣ,
Ситому синону кулоҳи меҳӣ.

---

1. Л-бар
2. Л-тангӣ
3. И-ба як раҳ
4. ТПИЛМ – Яке чӯб зад бар сараш Суфарой,
Ки гуфтӣ, ки гардун баромад* зи ҷой.
Биҷаст аз бари** чӯбзан Хушнавоз,
Ба шеб- андар андохт асп аз фароз***
* Л-Сипоҳ андаромад ба ҳар сӯ ** Л-кафи *** И-б 2 мавҷуд;
ИМ – Биҷаст аз кафи Суфаро Хушнавоз,
Ба шеб- андар омад сари бар фароз.
5. Л- саргизой
6. И-омад
7. Л-нишеб аз
8. И-б 100, 101 нест.
9. И-дашт
10. Л-Шуд он
11. И-Замин ҳамчу гардун баророста.

www.sattor.com

Ҳаме бурд ҳар кас сӯи Суфарой,
Тале[1] гашт чун кӯҳи Албурз ҷой.

Бубахшид яксар ҳама бар сипоҳ,
Накард ончунон чизи туркон нигоҳ.

Ба лашкар чунин гуфт, к-«Имрӯз кор
Ба коми дили мо буд аз рӯзгор.

Чу хуршед бинмояд аз чарх даст,
Бар ин дашт хира набояд нишаст.

Ба кини шаҳаншоҳи Эрон шавем,
Бар ин диж ба кирдори шерон шавем»,[2]

Ҳама[3] лашкараш даст бар бар заданд,
Ҳаме[4] ҳар касе ройи дигар заданд.

Бар ин ҳамнишон то зи хамми сипеҳр
Падид омад он зевари тоҷи меҳр,[5]

Табира баромад зи пардасарой,
Нишаст аз бари борагӣ[6] Суфарой.

Фиристодае омад аз Хушнавоз
Ба наздики солори гарданфароз,

Ки аз ҷангу пайкору хун рехтан
Набошад ҷуз аз ранҷу овехтан.

Ду марди хирадманди гурди ҷавон,
Ба дӯзах фиристем ҳар ду равон.

Агар бозҷӯӣ раҳи бихрадӣ,
Бидонӣ, ки ин кор буд эзадӣ.

На бар бод шуд кушта Пирӯзшоҳ,
К-аз ахтар сар омад бар ӯ солу моҳ.

1. И-Тане
2. И-б. 108 нест.
3. Л-Бад-ин
4. И-Бар он
5. И-б. 110 нест.
6. Л-бора - бар

www.sattor.com

Гунаҳгор шуд з-он, ки бишкаст аҳд,
Гузин кард ҳанзал, бияндохт шаҳд.

Кунун буданӣ бар сари[1] мо гузашт,
Хунук он, ки гирди дуруштӣ нагашт.

Асирону он хоста ҳар чи буд,[2]
Зару симу аз гавҳари нобисуд,[3]

Зи аспу силеҳу зи тоҷу зи тахт,
Ки бар дашт бугзашт Пирӯз рахт,[4]

Фиристам ҳама назди[5] солори шоҳ,
Чи аз вижаганҷу чи чизи[6] сипоҳ,

Ки[7] пирӯзгар сӯи Эрон шавӣ,
Ба наздики шоҳи далерон шавӣ.

Набошад маро сӯи Эрон басеҷ,
Ту аз аҳди Баҳром гардан мапеч.

Шаҳаншоҳ гетӣ бубахшид рост,
Маро Турку Чин асту Эрон туров».

Чу бишнид пайғоми ӯ Суфарой,
Биёвард лашкар ба пардасарой.

Фиристодаро гуфт: «Пеши сипоҳ
Бигӯй он чи бишнидӣ аз размхоҳ».

Биёмад фиристодаи Хушнавоз,
Бигуфт, он чи буд ошкорову роз.

Чунин гуфт бо лашкараш Суфарой,
Ки «Акнун бар ин дар чӣ бинед рой?»[8]

---

1. И-буд, бар
2. И-аспони ороста,
3. И-зевару гавҳару хоста,
4. И- Зи тавқу зи тоҷу зи бора, зи рахт,
   Ки бугзашт Пирӯзи гумбудабахт.
5. И-пеши
6. И- Чу наздики пурмоягони
7. И- Ту
8. ИЛ-б. 128 нест

www.sattor.com

Чунин гуфт лашкар, ки «Фармон туррост,
Бад-ин оштӣ[1] рою паймон туррост.

Ба Эрон[2] надонад касе аз ту беҳ,
Ба мо-бар туӣ шоҳу солору меҳ»[3].

Чунин гуфт бо саркашон[4] Суфарой,
Ки «Имрӯз моро ҷуз ин нест[5] рой,

К-аз эшон аз ин пас нахоҳем ҷанг,[6]
Ба Эрон барем ин сипаҳ бедиранг,[7]

Ки[8] дар дасти эшон бувад Кайқубод,
Чу фарзанди пирӯзи[9] хусравнажод.

Ҳамон мӯбади мӯбадон Ардашер,
Зи лашкар бузургони[10] барнову пир.

Агар ҷанг созем бо Хушнавоз,
Шавад кор бесуд бар мо дароз.

Кушанд он ки доранд[11] аз Эрон асир
Қубоди ҷаҳонҷӯю чун Ардашер.

Агар нестӣ дар миёна Қубод,
Зи мӯбад накардӣ дилу мағз ёд.

Гар ӯро зи туркон бад ояд ба рӯй,
Намонад ба Эрон ҷуз аз гуфтугӯй.

Яке нанг бошад, ки то растахез
Шавад дар миёни далерон ҷиҳез.

Фиристодаро нағз посух диҳем,
Бад-ин оштӣ рои фаррух ниҳем.

1. И-Бар ин орзу
2. И-Зи гурдон
3. И-ту шоҳиву солормеҳ».
4. И-Й-лашкар он
5. Л-аст
6. И-наҷӯем аз ин беш кин,
7. И-б-офарин,
8. И-Чу
9. И-Гави номвар шоҳи
10. И-гурдон басе низ
11. Л-Кушад он ки дорад

www.sattor.com

Магар боз бинем рӯи Қубод,
Ки бе ӯ сари подшоҳӣ мабод!

Ҳамон мӯбади мӯбадон Ардашер,
Касеро, ки доранд барнову пир,

Сипоҳаш ҳама хонданд офарин,
Ки «ин аст паймону оини дин».

Фиристодаро хонд пас паҳлавон,
Сухан гуфт бо ӯ ба ширин забон.

Чунин гуфт, к-«Ин эзадӣ буду бас,
Ҷаҳон бад сиголад, нагӯяд ба кас.

Бузургони Эрон, ки гаштанд асир,
Қубод аст бо мӯбади Ардашер.

Дигар ҳар кӣ доранд бар пой банд,
Фиристед[1] то зӣ манаш арҷманд.

Дигар хоста ҳар чӣ доред низ,
Зи динору тоҷу зи[2] ҳар гуна чиз,

Якояк фиристед наздики ман,
Ба пеши бузургони он анҷуман.

Ба тороҷу куштан наёзем даст,
Ки мо бениёзему яздонпараст.

Зи Ҷайҳун ба рӯзи даҳум бугзарем,
В-аз он пас ҳаме хокро наспарем.

Ҳама ҳар чӣ гуфтам туро, гӯш дор,
Чу рафтӣ якояк бар ӯ баршумор».

Фиристода ҳам бар замон[3] гашт боз,
Биёмад гурозон сӯи[4] Хушнавоз.

1. Л-Фиристӣ ба назди
2. Л-динор в-аз тоҷу
3. Л-дар замон
4. Л-бари

www.sattor.com

Бигуфт, он чи бишниду ӯ гашт шод,
Ҳамон гоҳ бардошт банд аз Қубод.

Ҳам аз мӯбади мӯбадон Ардашер
Касеро, ки буданд[1] аз Эрон асир,

Ҳама хоста сарбасар гирд кард,
Куҷо ёфт аз хоки дашти набард

Ҳамон тахт бо тоҷи Пирӯзшоҳ
Ҳар он чӣ пароканда буд дар[2] сипоҳ,

Фиристод яксар сӯи[3] Суфарой,
Ба дасти яке марди покизарой.

БОЗГАШТАНИ ҚУБОД БА ЭРОНЗАМИН

Чу лашкар бididанд рӯи Қубод,
Зи дидори ӯ анҷуман гашт шод.

Ҳамон мӯбади мӯбадон Ардашер,
Асирон, ки буданд барнову пир.

Бузургон ҳама хайма бугзоштанд,
Ҳама даст бар осмон доштанд,

Ки пури шаҳаншоҳро бегазанд
Бididанд, бо ҳар кӣ буд арҷманд.

Ҳамон гаҳ фурӯ ҳишт пардасарой,
Сипаҳбад ба асп андаровард пой.

Зи Ҷайҳун гузар кард пирӯзу шод,
Або мӯбадон мӯбаду Кайқубод.

Чу огоҳӣ омад ба Эронзамин
Аз он некпай[4] меҳтари б-офарин,

Ҳам аз ҷангу пайкор бо Хушнавоз,
Зи ройи чунон марди найрангсоз,

1. Л-доранд
2. Л-Чӣ чизи парокандаи он
3. Л-бари
4. Л-некдил

www.sattor.com

Ки аз ҷанг баргашт пирӯзу шод,
Кушода шуд аз банд пойи Қубод,

Ҳамин мӯбади мӯбадон Ардашер,
Касеро, ки бурданд[1] аз Эрон асир,

Биёварду акнун зи Ҷайҳун гузашт,
В-аз[2] Эрон сипоҳ аст бар обу дашт.

Хурӯше баромад аз Эрон, ки гӯш,
Ту гуфтӣ, ҳаме кар шавад аз[3] хурӯш.

Бузургони фарзона бархостанд,
Пазира шуданро биёростанд.

Балош он замон тахти заррин ниҳод,
Ки бо паҳлавон барнишонад[4] Қубод.

Чу омад ба шаҳр- андарун Суфарой,
Бузургон бирафтанд яксар зи ҷой.

Пазира шуданро биёрост шоҳ,
Ҳаме рафт бо он ки будаш сипоҳ.

Балош он замон дид рӯи Қубод,
Раҳо гашта аз банд пирӯзу шод.

Мар ӯро сабук шоҳ дар бар гирифт,
Зи Ҳайтолу Чин даст бар сар гирифт.

Зи роҳ-андар айвони шоҳ омаданд,
Халидадилу кинахоҳ омаданд.

Бифармуд, то хон биёростанд,
Маю руду ромишгарон хостанд.

Ҳаме буд ҷашне на бар орзӯй,
Зи тимори Пирӯзи озодхӯй.

1. Л-буданд
2. Л-Аз
3. Л-з-он
4. Л-паҳлавонон нишинад

www.sattor.com

Ҳама чомагӯ Суфароро ситуд,
Ба барбат ҳаме размиТурон суруд.

Меҳонро ҳама чашм бар Суфарой,
Аз ӯ гашта шоду бад-ӯ тозарой.

Ҳама шаҳри Эрон бад-ӯ гашта[1] боз,
Касеро, ки буд кинаи Хушнавоз,

Бад-он паҳлавон дил ҳаме шод кард,
Равонро аз андеша озод кард.[2]

Бибуд Суфарой аз ҷаҳон беҳамол,
Ҳаме рафт аз ин гуна то чор сол.

Набудӣ ҷуз он чиз, к-ӯ хостӣ,
Ҷаҳонро ба ройи худ оростӣ.

Чу фармони ӯ дар ҷаҳон гашт фош,
Ба чарбӣ бипардахт[3] гоҳ аз Балош.

Бад-ӯ гуфт: «Шоҳӣ наронӣ ҳаме,
Бадонро зи некон надонӣ ҳаме.

Ҳаме[4] подшоҳӣ ба бозӣ кунӣ,
Зи каҷживу аз бениёзӣ кунӣ.

Қубод аз ту дар кор донотар аст,
Бад-ин подшоҳӣ тавонотар аст».

Ба айвони хеш андаромад Балош,
Наёраст[5] гуфтан, ки эдар мабош.

Ҳаме гуфт: «Беранҷ тахт ин бувад,
Ки бе кӯшишу дарду нафрин бувад.

1. Л-гашт
2. И-б. 135-183 нест.
3. Л-бипардохт
4. И-Ҳама
5. И-Нашоист

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ ҚУБОДИ ПИРӮЗ

Чиҳил сол буд

БАР ТАХТ НИШАСТАНИ ҚУБОД ВА АНДАРЗ КАРДАН БА МЕҲОН

Чу бар тахт биншаст фаррух Қубод,
Кулоҳи бузургӣ ба сар барниҳод.

Сӯи Тайсафун шуд зи шаҳри Ситахр,
Ки гарданкашонро бад-он[1] буд фахр.

Чу бар тахти пирӯза биншаст, гуфт,
Ки «Аз ман мадоред чизе нуҳуфт.

Шуморо сӯи ман кушодаст роҳ,
Ба рӯзи сапеду шабони сиёҳ.

Бузург он касе, к-ӯ ба гуфтори рост
Забонро биёросту кажжӣ нахост.

Чу бахшоиш орад ба хашм[2]- андарун,
Сари ростон хонадаш раҳнамун.

Ниҳад тахти хушнудӣ андар ҷаҳон,
Биёбад ба дод офарини меҳон.[3]

Дили хеш агар дур дорӣ[4] зи кин,
Меҳону кеҳонат[5] кунанд офарин.

Ҳар он гаҳ ки шуд подшо каж(у)гӯй,[6]
Зи кажжӣ шавад зуд пайкорҷӯй.[7]

Суханро бибояд шунидан нахуст,
Чу доно бувад, посух орӣ[8] дуруст.

---

1. Л-бад-ӯ
2. И-кор
3. И-б. 7 нест.
4. И-шоҳ гар дур бошад
5. И-Кеҳону меҳонаш
6. И-озгӯй
7. И-Наёмад ба ҷуз оби тира ба ҷӯй.
8. - орад

www.sattor.com

Чу192 донанда мардум[1] бувад озвар,
Ҳаме[2] дониши ӯ[3] наёяд ба бар.

Ҳар он гаҳ ки доно бувад пуршитоб,
Чи дониш мар ӯро, чи дар шӯра об.

Чунон ҳам, ки ёбад дили лашкарӣ,
Ҳаме дар накӯҳиш кунад кеҳтарӣ.

Тавонгар куҷо сахт бошад ба чиз,
Фурӯмоятар шуд зи дарвеш низ.[4]

Чу дарвеши нодон кунад бартарӣ,
Ба девонагӣ монад ин доварӣ.

Чу айби тани хеш донад касе,
Зи айби касон барнагӯяд басе.

Сутуни хирад бурдборӣ бувад,
Чу тезӣ кунӣ, тан ба хорӣ бувад,

Чу хурсанд гаштӣ ба доди Худой,
Тавонгар шавӣ якдилу покрой.

Гар озода дорӣ танатро зи ранҷ,
Тани марди беоз беҳтар зи ганҷ.[5]

Ҳам онро, ки бахшиш бувад, тӯша бурд,
Бимирад-ш тан, ном ҳаргиз намурд.

Ҳама сарбасар дасти некӣ баред,
Ҷаҳони ҷаҳонро ба бад маспаред».

Ҳама меҳтарон офарин хонданд,
Забарҷад ба тоҷаш барафшонданд,

Ҷавон буд, солаш се панҷу яке,
Зи шоҳӣ варо баҳра буд андаке.

1. И-фарзонамардум
2. И-Ҳама
3. Л-дониш ӯро
4. Л-б 14 нест.
5. И-б. 19 нест.

www.sattor.com

Ҳаме ронд кори ҷаҳон Суфарой,
Қубод андар Эрон набуд кадхудой.

Ҳама кори ӯ паҳлавон рондӣ,
Касеро бари шоҳ наншондӣ.

На мӯбад буд ӯро, на фармон, на рой,[1]
Ҷаҳон пур зи дастурии Суфарой.[2]

БАДГУМОН КАРДАНИ ЭРОНИЁН ҚУБОДРО АЗ СУФАРОЙ ВА КУШТАНИ Ӯ СУФАРОЙРО

Чунон буд, то бисту яксола гашт,
Ба ҷом- андарун бода чун лола[3] гашт.

Биёмад бари тоҷвар Суфарой
Ба дастурии бозгаштан ба ҷой.

Сипаҳбад худу[4] лашкараш соз кард,
Бизад кӯсу оҳанги Шероз кард.

Ҳаме рафт шодон сӯи шаҳри хеш,
Зи ҳар ком[5] бардошта баҳри хеш.

Ҳама Порс ӯро шуда чун раҳӣ,
Ҳама буд ҷуз тоҷи[6] шоҳаншаҳӣ.

Бар он буд, ки «Ман шоҳ биншондам,
Ба шоҳӣ бар ӯ офарин хондам.

Гар аз ман касе зишт гӯяд бад-ӯй,
Варо сард гӯяд, биронад зи рӯй».

Ҳаме бож ҷустӣ зи ҳар кишваре,
Зи ҳар номдореву ҳар меҳтаре.

1. Л-мар ӯро, на фармону рой,
2. ИМ – На кишвар буд ӯро, на фармону рой,
Ҷаҳон зери дастурии Суфарой.
3. ИЛ- жола
4. Л-бишуд,
5. И-кор
6. Л-номи: И-тахти

www.sattor.com

Чу огоҳӣ омад сӯи Кайқубод[1]
Зи Шерозу аз кори бедоду дод,

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки ҷуз ном[2] шоҳ
Надорад аз Эрон, на[3] ганҷу[4] сипоҳ.

На фармон-ш бошад ба чизе, на рой,
Ҷаҳон шуд ҳама бандаи Суфарой.

Ҳар он кас, ки буд роздори Қубод,
Бар ӯ ин суханҳо[5] ҳаме кард ёд,

Ки «Аз подшоҳӣ ба номе басанд
Чаро кардӣ, эй шаҳрёри баланд?

Зи ганҷи ту огандатар ганҷи ӯ,
Бибояд гусист аз ҷаҳон ранҷи ӯ.

Ҳама Порс чун бандаи ӯ шуданд,
Бузургон парастандаи ӯ шуданд».

Зи гуфтор бад шуд дили Кайқубод,
Зи ранҷаш ба дил-бар накард эч ёд.

Ҳаме гуфт агар[6] ман фиристам сипоҳ
Сари ӯ бигардад, шавад размхоҳ.[7]

Чун ӯ душмане карда бошам ба ганҷ,
Аз ӯ дид бояд басе дарду ранҷ.

Кунад ҳар касе ёди кирдори ӯй,
Ниҳонӣ надонанд бозори ӯй.

Надорам дар Эрон ҳаме размхоҳ,
К-аз эдар шавад пеши ӯ бо сипоҳ.

Бад-ӯ гуфт фарзона: «М-андеш аз ин,
Ки ӯ шаҳрёре шавад б-офарин.

1. И- ба сӯи Қубод
2. И-тоҷ
3. Л-Зи Эрон зи
4. И-Зи Эрону ганҷу
5. Л-суханро
6. И-гар
7. И-Наёяд ба фармон, шавад кинахоҳ.

www.sattor.com

Туро бандагонанду солор ҳаст,
Ки соянд бо чархи гарданда даст.

Чу Шопури Розӣ биёяд[1] зи ҷой,
Бидаррад дили бадкуниш Суфарой».

Шунид ин сухан шоҳ, нерӯ гирифт,
Ҳунарҳо бишуст аз дил, оҳу гирифт.[2]

Ҳамон гаҳ ҷаҳондидае Кайқубод
Бифармуд, то барнишинад чу бод.

Ба наздики Шопури Розӣ шавад,
Бар овози нахчирбозӣ[3] шавад.

Ҳам андар замон барнишонад варо,
Зи Рай сӯи даргоҳ хонад варо.

Дуаспа фиристода омад ба Рай,
Чу боди хазонӣ ба фармони Кай.

Чу дидаш, бипурсид солори бор,
В-аз ӯ бистад он номаи шаҳрёр.

Биёмад,[4] ба Шопури Розӣ супурд,
Савори сарафрозро[5] пеш бурд,

Чу бархонд он номаи Кайқубод,
Бихандид Шопури Меҳракнажод,

Ки бар Суфаро душман андар ҷаҳон
Набудӣ ҷуз ӯ ошкору ниҳон.

Чу бишнид, фармонбаронро бихонд,
Сӯи Тайсафун тез[6] лашкар биронд.

Чу овард лашкар ба наздики шоҳ,
Ҳам андарзамон баркушоданд роҳ.

---

1. И-бичунбад
2. И-б. 50 нест
3. ИЛ-нахчиру бозӣ
4. И-Дарун шуд,
5. И-Фиристодаи шоҳро
6. И-зуд

www.sattor.com

Чу дидаш ҷаҳондор, бинвохташ,
Бари тахти пирӯза биншохташ.

Бад-ӯ гуфт: «Аз ин тоҷ бебаҳраам,
Ба беҳуда андар[1] ҷаҳон шӯҳраам,

Ҳама Суфаророст бахр аз меҳӣ,
Ҳаме ном бинам зи шоҳаншаҳӣ.

Аз ин доду бедод дар гарданам
Ба фарҷом рӯзе бупечад танам.

Ба Эрон бародар будӣ кадхудой,
Беҳ астӣ зи бедодгар Суфарой».

Бад-ӯ гуфт Шопур, к-«Эй шаҳрёр,
Дилатро бад-ин кор ранҷа[2] мадор.

Яке нома бояд навиштан дурушт,
Туро фарру ному нажод аст пушт.

Бигӯӣ, ки аз тоҷи шоҳаншаҳӣ
Маро баҳра ранҷ асту ганҷи[3] тиҳӣ.

Туӣ божхоҳу манам бо гуноҳ,
Нахоҳам, ки хонӣ маро низ шоҳ.

Фиристодам инак яке паҳлавон,
Зи кирдори ту чанд бошам навон?

Чу нома бад-ин гуна бошад бад-ӯй,[4]
Чу ман бошаму лашкаре ҷангҷӯй,[5]

Намонам, ки барҳам занад низ чашм,
Нагӯям, сухан пеши ӯ ҷуз ба хашм».

Нависандаи номаро хонданд,
Ба наздики Шопур биншонданд.

1. Л-беҳудагӣ дар
2. И-ғамгин
3. Л-ганҷе
4. И-бар ӯй
5. И-душману лашкаре кинаҷӯй.

www.sattor.com

Бигуфт он суханҳо, ки бо шоҳ гуфт,
Шуд он килки печанда бо бод ҷуфт.[1]

Чу бар нома-бар мӯҳр бинҳод шоҳ,
Биёвард Шопур лашкар ба роҳ.

Гузин кард пас, ҳар кӣ буд номдор,
Пароканда аз лашкари шаҳрёр.

Худу номдорони пархошҷӯй,
Сӯи шаҳри Шероз бинҳод рӯй.

Чу огоҳ шуд з-он сухан Суфарой,
Ҳамон гаҳ биёвард[2] лашкар зи ҷой.

Пазира шудаш бо сипоҳи гарон,
Гузидасаворону ҷавшанварон.[3]

Расиданд пас як ба дигар фароз,
Фуруд омаданд он ду гарданфароз.

Чу биншаст Шопур бо Суфарой,
Фаровон заданд аз баду нек рой.

Бад-ӯ дод пас номаи шаҳрёр,
Сухан рафт[4] ҳар гуна душхору[5] хор.

Чу бархонд он номаро паҳлавон,
Бипажмурду шуд тангу тира равон.

Чу ӯ нома бархонд, Шопур гуфт,
Ки «акнун суханро набояд нуҳуфт.

Туро банд фармуд шоҳи[6] ҷаҳон,
Фаровон бинолид пеши меҳон.

---

1. И- Бад-он сон суханҳо, ки Шопур гуфт,
   Набишту бупечид андар нуҳуфт.
2. И- Биёвард чун бод
3. И- Ҳамон гаҳ ба парда-дарун шуд давон,
   Або ӯ бузургону фаррух гавон
4. Л-ҳаме рафт
5. И-душвору
6. И-Зи навмедии шаҳрёри

www.sattor.com

Бар он[1] сон, ки бархондӣ номаро,
Ту донӣ шаҳаншоҳи[2] худкомаро».

Чунин дод посух бад-ӯ паҳлавон,
Ки «Донад маро шаҳрёри ҷаҳон.

Аз[3] он ранҷу сахтӣ, ки бурдам зи шоҳ,
Ки рафтам ба Зобулситон бо сипоҳ.

Ба мардӣ раҳонидам ӯро зи[4] банд,
Намондам, ки ояд ба рӯяш[5] газанд.

Маро дастҳо буд[6] наздики шоҳ,
Ҳамон назди гурдони эронсипоҳ.[7]

Гар эдун, ки банд аст подоши ман,
Туро ранҷа кардан[8] ба пархоши ман,

Нахоҳам замон аз ту, поям бубанд,
Надорад маро банди ӯ мустаманд.

Зи Яздону аз лашкараш нест шарм,
Ки ман чанд полудаам хуни гарм.

Бад-он гаҳ куҷо шоҳ дар банд буд,
Ба Яздон маро сахт савганд буд,

Ки дастам набинад магар дасти[9] теғ,
Ба разм[10] офтоб андарорам ба меғ.

Магар сар диҳам, ё сари Хушнавоз,
Ба мардӣ зи тахт андарорам ба гоз.

Кунун банд фармуд, бандам сазост,
Суханҳои носудмандам ҷазост.

---

1. И-ин
2. И-сипаҳдори
3. Л-Ки
4. И-Раҳонидам ӯро зи зиндону банд.
5. И-ба кас бар Л-бар ӯ бар
6. И-пойгоҳест
7. И-пурмоягони сипоҳ
8. И-роҳ додан
9. И-ба ҷуз гурзу
10. Л-чанг

www.sattor.com

Зи фармони ӯ ҳеҷ гуна магард,
Ту пероя дон банд бар пойи мард».

Чу бишнид Шопур, пояш бубаст,
Бизад нойи рӯину худ барнишаст.

Биёвардаш аз Порс пеши Қубод,
Қубод аз гузашта накард эч ёд.

Бифармуд, к-ӯро ба зиндон баранд,
Ба наздики ноҳушмандон баранд.

Зи Шероз фармуд, то ҳар чи буд,
Зи ранҷу зи ганҷу зи кишту дуруд,

Биёранд яксар сӯи Тайсафун,
Супорад ба ганҷури ӯ раҳнамун,

Чу як ҳафта бугзашт, ҳар гуна рой
Ҳаме ронд бо мӯбад аз Суфарой.

Чунин гуфт пас шоҳро раҳнамун,
Ки «ёранд бо ӯ ҳама Тайсафун.

Ҳамон лашкару зердастони мо,
Зи деҳқону аз дарпарастони[1] мо,[2]

Гар ӯ андар Эрон бимонад дуруст,
Зи шоҳӣ бибояд туро даст шуст.

Бадандеши шоҳи ҷаҳон кушта беҳ,
Сари бахти бадхоҳ баргашта беҳ».

Чу бишнид меҳтар зи мӯбад сухан,
Ба нав тохту безор гашт аз куҳан.

Бифармуд пас, то-ш беҷон кунанд,
Бар ӯ-бар дили дуда печон кунанд.

1. Л-деҳқон в-аз дизпарастони
2. И-б. 100-106 нест.

www.sattor.com

БАНД КАРДАНИ ЭРОНИЁН ҚУБОДРО ВА БАР ТАХТ НИШОНДАНИ ҶОМОСП БАРОДАРАШРО

Чу огоҳӣ омад ба[1] эрониён,
Ки он пилтанро сар омад замон.[2]

Хурӯше баромад зи Эрон ба[3] дард,
Зану марду кӯдак ҳама[4] мӯя кард.

Ба нафрин забонҳои эрониён
Биёлуду бархост роз аз миён.

Барошуфт Эрону бархост гард,
Ҳаме ҳар касе кард сози набард.

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки тахти Қубод
Агар Суфаро шуд, ба Эрон мабод!

Сипоҳиву шаҳрӣ ҳама шуд яке,
Набурданд номи Қубод андаке.

Бирафтанд яксар ба айвони[5] шоҳ,
Зи бадгӯй пурдарду фарёдхоҳ.

Касе, к-ӯ бари шоҳ бадгӯй буд,
Бар андешаи бад балоҷӯй буд,

Бикуштанду бурданд аз айвон кашон,
Зи Ҷомосп ҷустанд аз он пас[6] нишон,

Ки кеҳтар бародар буду сарфароз,
Қубодаш ҳаме парваридӣ ба ноз.

Варо баргузиданду биншонданд,
Ба шоҳӣ бар ӯ офарин хонданд.

Ба оҳан бубастанд пойи Қубод,
Зи фарру нажодаш накарданд ёд.

1. И-огоҳ гаштанд
2. И-зиён
3. И-аз Эрон баромад зи
4. Л-ҳаме
5. И-даргоҳи
6. Л-чанде

www.sattor.com

Яке пур буд Суфароро гузин,
Хирадманду покизаву[1] б-офарин.[2]

Ҷавоне беозору Размеҳр ном,
Ки аз номи ӯ буд падар шодком.

Супурданд баста бад-ӯ шоҳро,
Бад-он гуна бадройи[3] бадхоҳро,

Ки он меҳрубон кинаи Суфарой
Бихоҳад ба дард аз ҷаҳонкадхудой.

Беозор Размеҳри яздонпараст
Насудӣ ба бад бо ҷаҳондор даст.

Парастиш ҳаме кард пеши Қубод
В-аз он кин накард эч бар шоҳ ёд.

Ҷаҳондор аз ӯ[4] монд андар шигифт,
В-аз ӯ бахшиши мардумӣ[5] баргирифт.

Ҳаме кард пӯзиш, ки бадхоҳи ман
Пурошӯб кард ахтару моҳи ман,

Гар эдун, ки ёбам раҳоӣ зи банд,
Туро бошам аз ҳар баде[6] судманд.

Зи дил пок бардорам озори ту,
Кунам чашм равшан ба дидори ту.

Бад-ӯ гуфт Размеҳр, к-«эй шаҳрёр,
Равонро бад-ин бора[7] ранҷа мадор.

Падар гар накард, он чи боист кард,
Зи маргаш писар гурму тимор х(в)ард.

Туро ман ба сони яке бандаам,
Ба пеши ту-андар парастандаам,

1. Л-покизаи
2. И-покдин.
3. Л-бадроҳу; И-то кушад хасми
4. И-Ҷаҳонҷӯй з-ӯ
5. И-Ба размеҳр – бар офарин
6. И- андар ҷаҳон
7. И-кор

www.sattor.com

Чу гӯӣ, ба савганд паймон кунам,
Ки ҳаргиз вафои туро нашканам».[1]

ГУРЕХТАНИ ҚУБОД ВА ПАНОҲ ГИРИФТАН НАЗДИ ҲАЙТОЛИЁН

Аз ӯ эминӣ ёфт ҷони Қубод,
Зи гуфтори он пурхирад гашт шод.

Аз он пас бар ӯ роз букшоду гуфт,
Ки «Андеша аз ту нахоҳам нуҳуфт.

Кушода-ст бар панҷ тан рози ман,
Ҷуз ин нашнавад як тан овози[2] ман.

Бихонемашону кушоем роз,
Агармон бад-он мардум ояд ниёз.

Агар банд бардорӣ аз пойи ман,
Чунон дон, ки бар хӯрдӣ аз ройи ман».

Чу бишнид Размеҳри покизарой,
Сабук бандро баргирифташ зи пой.[3]

Шаби тира аз шаҳр берун шуданд,
Зи дидори душман ба ҳомун шуданд.

Сӯи марзи Ҳайтол карданд рӯй
Аз андешагон хаставу роҳҷӯй.

Бар ин гуна саргашта ин ҳафт мард
Ба Аҳвоз рафтанд тозон чу гард.

Расиданд пӯён ба пурмоя деҳ,
Ба деҳ-дар яке номбардор меҳ.

Бад-он хони деҳқон фуруд омаданд,
Бибуданду якбора дам барзаданд.

1. ТПЗЛ – Чу Размеҳр гуфт ину Хусрав шунид,
Дили шоҳ аз хуррамӣ бардамид.
2. И- Ки ҳастанд ёру ҳамовози
3. И-б. 140-142 нест.

www.sattor.com

Яке духтаре дошт деҳқон чу моҳ,
Зи мушки сияҳ бар сараш-бар кулоҳ.

Ҷаҳонҷӯй чун рӯи духтар бидид,
Зи мағзи ҷавон шуд хирад нопадид.

Ҳамон гаҳ биёмад, ба Размеҳр гуфт,
Ки «Бо ту сухан дорам андар нуҳуфт.

Бирав,[1] рози ман пеши деҳқон бигӯй,
Магар ҷуфти ман гардад ин моҳрӯй».[2]

Бишуд тезу розаш ба деҳқон бигуфт,
Ки «Гар духтари хубро нест ҷуфт,

Яке пок анбозаш орам ба ҷой,
Ки гардӣ ба Аҳвоз-бар кадхудой»,

Гаронмоя деҳқон ба Размеҳр гуфт,
Ки «Ин духтари хубро нест ҷуфт.[3]

Агар ҳаст шоиста, фармон туրост,
Мар инро бад-он деҳ, ки ӯро ҳавост».

Биёмад хирадманд назди Қубод,
Чунин[4] гуфт, к-«Ин моҳ ҷуфти ту бод.

Писандидаву[5] ногаҳон дидияш,
Бар он сон, ки дидӣ, писандидияш».

Қубод он парирӯйро пеш хонд,
Ба зонуи кундовараш барнишонд.

Або ӯ як ангуштарӣ буду бас,
Ки арзи нигинаш надонист кас.

Бад-ӯ доду гуфт: «Ин нигинро бидор,
Бувад рӯз, к-инро шавам хостор».

1. Л-Бишав,
2. Л-хубрӯй.
3. Л-б. 153, 154 нест.
4. И-Бад-ӯ
5. И-Пазируфтиву

www.sattor.com

Дар он деҳ ба як ҳафта аз баҳри моҳ
Ҳаме буду ҳаштум биёмад ба роҳ.

Бари шоҳи ҳайтолиён[1] шуд Қубод,
Гузашта суханҳо бар ӯ кард ёд.

Бигуфт, он чи карданд эрониён,
Бадиро бубастанд яксар миён.

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Аз бади Хушнавоз
Ҳамоно бад-ин рӯзат омад ниёз.

Ба паймон супорам туро лашкаре,
Аз он ҳар яке бар сарон афсаре,[2]

Ки гар боз ёбӣ ту ганҷу кулоҳ,
Чағонӣ маро бошаду ганҷу гоҳ.

Маро бошад он марзу Эрон туро,[3]
Зи карда набошад пушаймон туро».[4]

Забардастро гуфт хандон Қубод,
К- «Аз ин марз ҳар кас[5] нагирем ёд.

Чу хоҳӣ, фиристам-т бемар[6] сипоҳ,
Чағонӣ кӣ[7] бошад, ки дорам нигоҳ?»

Ба шоҳи ҷаҳондор додаш рама,
Силеҳу саворони лашкар ҳама.[8]

Пазируфт шамшерзан сӣ[9] ҳазор,
Ҳама номдорони гурду савор.[10]

---

1. Л-шоҳи Ҳайтол
2. И-Або ҳар гурӯҳеву ҳар меҳтаре,
3. И-фармони ман,
4. И-Нигаҳдории аҳди паймони ман».
5. И-ганҷу
6. Л-Бар он бум ҳаргиз
7. Л-Чӣ
8. ИЛ-б. 170 нест;
   ТПЗ – Чу карданд аҳд он ду гарданфароз,
   Дари ганҷ бикшоду динор соз.
9. И-Бад-ӯ дод шамшерзан чил
10. И-номдор аз дари корзор.

www.sattor.com

Зи ҳайтолиён сӯи Аҳвоз шуд,
Саросар ҷаҳон з-ӯ пуровоз шуд.

БОЗГАШТАНИ ҚУБОД АЗ ҲАЙТОЛ ВА ЗОДАНИ КИСРОИ НӮШИНРАВОН ВА БАР ТАХТ НИШАСТАНИ ҚУБОД

Чу наздикии хони деҳқон расид,
Ҳама кӯй[1] мардум пароканда дид.

Ҳама мужда бурданд назди Қубод,
Ки «Ин пур бар шоҳ фархунда бод!

Писар зод ҷуфти ту дар шаб яке,
Ки аз моҳ пайдо набуд андаке».

Чу бишнид, дар хона шуд шодком,
Ҳамон гоҳ Кисрош карданд[2] ном.

Зи деҳқон бипурсид он гаҳ[3] Қубод,
Ки «Эй некбахт[4], аз кӣ дорӣ нажод?»

Бад-ӯ гуфт, к-«Аз Офаридуни гурд,
Ки аз тухми[5] Заҳҳок шоҳӣ бибурд,

Падар гуфтам ину ниё ҳамчунин,
Ки бо Офаридун кунем офарин».

Зи гуфтори ӯ шодтар шуд Қубод,
Зи рӯзе, ки тоҷи кайӣ барниҳод.

Иморӣ бисеҷиду омад ба роҳ,
Нишаста бар ӯ-андарун ҷуфти шоҳ.

Биёвард лашкар сӯи Тайсафун,
Дил аз дарди[6] эрониён пур зи хун.

1. И- кӯча
2. И-Мар он хурдро хонд Кисро ба
3. И- пурсид фаррух
4. И- номвар
5. Л-тахти
6. И-Дилу ҷони

www.sattor.com

Ба Эрон ҳама солхӯрда радон,
Нишастанд бо номвар бихрадон,

Ки «Ин кор гардад ба мо-бар дароз,
Миёни ду шоҳ он[1] ду гарданфароз.

Зи Руму зи Чин лашкар[2] ояд кунун,
Бирезанд аз ин марз[3] бисёр хун.[4]

«Бибояд хиромид пеши Қубод,
Магар к-он суханҳо нагирад ба ёд.

Биёрем Ҷомоспи даҳсоларо,
Ки бо дурр ҳамто кунад жоларо.

Магар мо зи торочу хун рехтан
Ба як сӯ гурезему овехтан».

Бирафтанд яксар бари Кайқубод,
Бигуфтанд, к-«эй шоҳи хусравнажод,[5]

Гар[6] аз ту дили мардумон хаста шуд,
Ба шӯхӣ-дурун[7] дидаҳо шуста шуд.

Кунун комрон шав бар он ч-ат[8] ҳавост,
Ки шоҳи ҷаҳон бар ҷаҳон подшост».

Пиёда ҳама пеши ӯ-дар давон
Бирафтанд пурхоку тира равон,

Гуноҳи бузургон бубахшид шоҳ,
Зи хун рехтан кард пӯзиш паноҳ.

Бубахшуд[9] Ҷомоспро ҳамчунин,
Бузургон бар ӯ хонданд офарин.[10]

1. Л-шоху
2. И-Турку ки Чин мардум
3. И- бехуда
4. ТПЗИ – Яке гуфт аз он ҷумла, к-«эй меҳтарон
   Сарафрозу гурдону ҷанговарон.
5. И-б. 187-189 нест.
6. Л-Ки
7. Л-дилу
8. Л-комрон ту бад-он к-ат
9. Л- Бубахшид
10. И-б. 192-194 нест.

www.sattor.com

Биёмад, ба тахти кайӣ барнишаст,
Варо гашт Ҷомосп меҳтарпараст.

Ҳама кори он подшоҳии хеш
Ба Размеҳр биспурду биншонд[1] пеш.

Варо гашт он шоҳӣ ороста,
Ҷаҳон гашт пурдоду пурхоста.[2]

Бар ин гуна то гашт Кисро бузург,
Яке кӯдаке шуд далеру сутург.

Ба фарҳангиён дод фарзандро,
Чунон тозашоҳи барӯмандро.

Ҳама кори Эрону Тӯрон бисохт,
Ба гардун кулоҳи меҳӣ барфарохт.

В-аз он пас биёвард лашкар ба Рум,
Шуд он бора ӯро чу як мӯҳра мум.[3]

Ҳаме кард аз он буму бар хорсон,
Аз ӯ хост зинҳори ду шорсон.

Яке Ҳандиёву яке[4] Фориқин,
Биёмухташон Занду бинҳод дин.

Ниҳод андар он марз оташкада,
Бузургиву[5] Наврӯзу ҷашни Сада.

Мадоин пай афканд[6] ҷойи Каён,
Пароканд[7] бисёр суду зиён.

Зи Аҳвоз то Порс як шорсон[8]
Бикарду биёвард беморсон.[9]

1. Л-овард
2. И-б. 196, 197 нест.
3. И-б. 200-201 нест
4. ИЛ – дигар
5. И-Ҳамон меҳри
6. И-Ба ҳар ҷой афканда
7. И-Пароканда
8. Л-шорситон
9. Л-баровард беморситон

www.sattor.com

Арон хонд он шорсонро[1] Қубод,
Ки тозӣ кунун ном Ҳулвон ниҳод.[2]

Кушоданд ҳар ҷой руде пуроб,[3]
Замин шуд[4] ҳама[5] ҷои орому хоб.

ПАЗИРУФТАНИ ҚУБОД ДИНИ МАЗДАК

Биёмад яке мард, Маздак ба ном,
Сухангӯю бодонишу рою ком.

Гаронмоя мардеву донишфурӯш,
Қубоди диловар[6] бад-ӯ дод гӯш.

Ба назди шаҳаншоҳ дастур гашт,
Нигаҳдори он ганҷу ганҷур гашт.

Зи хушкӣ хӯриш танг шуд дар ҷаҳон
Миёни меҳону миёни кеҳон.

Зи рӯи ҳаво абр шуд нопадид,
Ба Эрон[7] касе барфу борон надид.

Меҳони ҷаҳон бар дари Кайқубод,
Ҳаме ҳар кас аз обу нон кард ёд.

Бад-эшон чунин гуфт Маздак, ки «шоҳ
Намояд шуморо ба уммед роҳ».

Давон худ биёмад бари шаҳрёр,
Чунин[8] гуфт, к-«эй шоҳи парҳезгор,[9]

---

1. Л-шорситонро
2. И-пас аз б. 207 ин б. омада;
   Кушуданд ҳар гуна оби равон,
   Ҳаме тоза гашт аз ҳавояш равон.
3. И-Ҳаме рафт ҳар гӯша ҷӯе зи об,
4. И-Заминаш
5. Л-пур аз.
6. И-ситуда.
7. И-соле
8. И-Бад-ӯ,
9. И-беҳрӯзгор,

www.sattor.com

Ман акнун[1] сухан пурсам аз ту яке,
Гар эдун, ки посух диҳӣ андаке».

Қубоди сароянда гуфташ: «Бигӯй,
Ба ман тоза кун аз сухан[2] обрӯй»[3].

Бад-ӯ гуфт: «Он[4] кас, ки мораш газид,
Ҳаме аз танаш ҷон бихоҳад парид.

Яке дигареро бувад пойзаҳр,
Газида наёбад зи тарёк баҳр.

Сазои чунин мард гӯӣ, ки чист,
Ки тарёк дорад дирамсанг бист?»[5]

Чунин дод посух варо[6] шаҳрёр,
Ки «Хунист ин марди тарёкдор.

Ба хуни газида бибояд-ш кушт,
Ба даргоҳ чун хасмаш орад ба мушт».

Чу бишнид, бархост аз пеши шоҳ,
Биёмад ба наздики фарёдхоҳ.

Бад-эшон чунин гуфт, к-«Аз шаҳрёр
Сухан кардам аз ҳар даре хостор.

Бибошед то бомдоди пагоҳ,
Намоям шуморо сӯи дод роҳ».

Бирафтанду шабгир боз омаданд,
Сухан дар дилу пургудоз[7] омаданд.

Чу Маздак зи дур ин гавонро бидид,
Зи даргаҳ сӯи шоҳи Эрон давид.[8]

1. Л-Ба гетӣ; И-Зи гетӣ
2. Л-дар ҷаҳон
3. И- Сухан, ҳар чӣ дорӣ, ба мо роҳ ҷӯй».
4. Л-к-он
5. И- пас аз б. 221 ин б. омада:
   Чӣ бошад, бигӯ, эй сари анҷуман,
   Сазад, гар бирезанд хунаш зи тан.
6. И-бад-ӯ
7. И-Шаҳудадили баргудоз
8. Л-кашид.

www.sattor.com

Чунин[1] гуфт, к-«Эй шоҳи пирӯзгар,[2]
Сухангӯю бедору бозӯру фар,[3]

Сухан гуфтаму посухаш додиям,
Ба посух дари баста букшодиям.

Гар эдун, ки дастур бошад,[4] кунун
Бигӯям сухан пешат, эй[5] раҳнамун».

Бад-ӯ гуфт: «Баргӯю лабро мабанд,
Ки гуфтор бошад маро судманд».

Чунин гуфт, к-«Эй номвар шаҳрёр,
Касеро[6] ба банде бубанд устувор.

Ба бечорагӣ ҷон ба ноне супурд,
Хӯриш бозгиранд аз ӯ, то бимурд.

Мукофоти он кас, ки нон дошт ӯ,
Мар ин бастаро хор бугзошт ӯ,

Чӣ бошад, бигӯяд маро[7] подшо,
Гар ин мард доно буду порсо?».

Чунин дод посух, ки «Мискин танаш,
Ки нокарда хун аст[8] дар гарданаш».

Чу бишнид Маздак, замин бӯса дод,
Хиромон биёмад зи пеши Қубод.

Ба даргоҳи ӯ шуд, ба анбӯҳ гуфт,
Ки ҷое, ки гандум бувад дар нуҳуфт,

Шаведу ҳама баҳра з-ӯ баргиред,
Баҳо гар бигиранд, деҳ биспаред.[9]

1. И-Бад ӯ
2. И-бедорбахт; Л-пирӯзбахт,
3. И- донову зебои тахт; Л-зебои тахт,
4. Л-бошӣ,
5. Л-то бувад
6. И- Якеро
7. Л- магар
8. ИЛ – хунест нокарда
9. И-б. 239-240 нест.

www.sattor.com

Ба тороҷ дод, он ки будаш ба шаҳр,
Бад-он, то якояк биёбанд баҳр.

Давиданд ҳар кас, ки буд гурсуна,
Ба тороҷи гандум шуданд аз буна.

Чи анбори шаҳрӣ, ки они Қубод,
Ба як дона гандум набуданд шод.

Чу диданд, рафтанд корогаҳон
Ба наздики бедор шоҳи ҷаҳон,

Ки «Тороҷ карданд анбори шоҳ,
Ба Маздак ҳаме бозгардад гуноҳ».

Қубод он сухангӯйро пеш хонд,
Зи тороҷи анбор чанде биронд,

Чунин дод посух: «Анӯша бадӣ,[1]
Хирадро ба гуфтор тӯша бадӣ![2]

Сухан ҳар чӣ бишнидам аз шаҳрёр,
Бигуфтам ба эрониён[3] хор-хор.

Ба шоҳи ҷаҳон гуфтам аз мору заҳр
В-аз он кас, ки тарёк дорад ба шаҳр.

Бад-ин банда посух чунин дод шоҳ,
Зи тарёкдору зи тарёкхоҳ,

Ки «Гар моркушта бимирад ба заҳр,
Наёбад аз он мард тарёк баҳр.[4]

Агар хуни ин марди тарёкдор
Бирезад касе, нест бо ӯ шумор.[5]

Чу шуд гурсуна, нон бувад пойзаҳр,
Ба серӣ нахоҳад зи тарёк баҳр.

1. И- бизӣ,
2. И-Равонро ба дидор тӯша бизӣ.
3. Л-бозориён
4. Л-б. 250, 251 нест.
5. ТПИ - Бихоҳанд хунаш аз он марди зифт,
Ки кори шаҳӣ хурд натвон гирифт.

www.sattor.com

Агар додгар бошӣ, эй шаҳрёр,
Дар анбор гандум наёяд ба кор.[1]

Шикам гурсуна чанд мардум бимурд,
Ки анбор осуда ҷонаш бибурд».

Зи гуфтори ӯ[2] тангдил шуд Қубод,
Бишуд тез мағзаш[3] зи гуфтори дод.

В-аз он пас бипурсиду посух шунид,
Дилу ҷони ӯ пур зи гуфтор дид.[4]

Зи чизе, ки гуфтанд пайғамбарон,
Ҳамон додгар мӯбадону[5] сарон,

Зи гуфтори Маздак ҳаме[6] каҷж(у) гашт,
Суханҳо зи андоза андаргузашт.

Бар ӯ[7] анҷуман шуд фаровон сипоҳ,
Басе кас ба бероҳӣ омад[8] зи роҳ.

Ҳаме гуфт ҳар к-ӯ тавонгар бувад,
Тиҳидаст бо ӯ баробар бувад.

Набояд, ки бошад касе барфузуд,
Тавонгар бувад тору дарвеш пуд.

Ҷаҳон рост бояд, ки бошад ба чиз,
Фузунӣ ҳаром асту нохуб[9] низ.

Зану хонаву чиз[10] бахшиданист,
Тиҳидаст кас бо тавонгар якест.

Ман инро кунам рост бо дини пок,
Шавад вижа пайдо баланд аз мағок.

1. И-б. 252-254 нест.
2. И-Агарчанд аз он
3. И- бо ӯ
4. И-б. 257 нест.
5. И-хусравону
6. И-ҳама
7. И-Бад-ӯ
8. И-Ба ин роҳ омад ҳама кас
9. ИЛ – тавонгар ҳаром аст
10. И- молу фарзанд

www.sattor.com

Ҳар он кас, ки ӯ ҷуз бар ин[1] дин бувад,
Аз Эзад бар он роҳ[2] нафрин бувад.

Ҳаме гашт[3] дарвеш бо ӯ яке,
Агар пир буданд, агар[4] кӯдаке.

Аз ин[5] бистадӣ чиз, додӣ бад-он,
Фурӯ монданд андар он бихрадон.[6]

Чу бишнид, дар дини ӯ шуд Қубод,
Зи гетӣ ба гуфтори ӯ буд шод.

Варо ром биншонд бар дасти рост,
Надонист лашкар, ки мӯбад куҷост.

Бари ӯ шуд он кас, ки дарвеш буд,
В-агар нонаш аз кӯшиши хеш буд.

Ба гирди ҷаҳон тоза шуд дини ӯй,
Наёраст ҷустан касе кини ӯй.[7]

Тавонгар ҳаме сар зи некӣ бигошт,
Супурдӣ ба дарвеш, чизе ки дошт.

ОВЕХТАНИ КИСРО МАЗДАКРО ВА КУШТАН ӮРО

Чунон буд, ки як рӯз Маздак пагоҳ
Зи хона биёмад ба наздики шоҳ,

Чунин гуфт, к-«Аз динпарастони мо,
Ҳам аз покдил зердастони мо.

Фаровон зи гетӣ сарон бар даранд,
Фуруд оварамшон, агар бугзаранд».

Зи Маздак шунид ин суханҳо Қубод,
Ба солор фармуд, то бор дод.

1. И-бад-ин
2. И-Зи яздон бар он дев
3. Л-Бибуд ҳар кӣ
4. И-в-агар
5. И-ӯ
6. И-монд аз кори ӯ мӯбадон.
7. И-б. 271, 272 нест.

www.sattor.com

Чунин гуфт Маздак ба пурмоя шоҳ,
Ки «Ин ҷой танг асту чандон сипоҳ.

Ҳамоно нагунҷанд дар пеши шоҳ,
Ба ҳомун хиромад, кунадшон нигоҳ».

Бифармуд, то тахт берун баранд,
Зи айвони шоҳӣ ба ҳомун баранд.

Ба дашт омад аз маздакӣ се[1] ҳазор,
Бирафтанд шодон бари шаҳрёр.

Чунин гуфт Маздак ба шоҳи замин,
Ки «Эй бартар аз донишу офарин,

Чунон дон, ки Кисро на бар дини мост,
Зи дин сар кашидан варо кай равост?

Яке дастхатташ бибояд ситад,
Ки сар боз гардонад аз роҳи бад.

Бупечонд аз ростӣ панҷ чиз,
Ки доно бар ин панҷ нафзуд низ,

Куҷо рашку кин асту хашму ниёз,
Ба панҷум, ки гардад бар ӯ чира оз.

Ту гар чира бошӣ бар ин панҷ дев,
Падид оядат роҳи кайҳонхидев.

Аз ин панҷ моро зану хостаст,
Ки дини беҳӣ дар ҷаҳон костаст.

Зану хоста бояд андар миён,
Чу дини беҳиро нахоҳӣ зиён.

Бад-ин ду бувад рашку озу ниёз,
Ки бо хашму кин андарояд ба роз.

Ҳаме дев печад сари бихрадон,
Бибояд ниҳод ин ду андар миён».

1. ИЛ – сад

www.sattor.com

Чу ин гуфта буд,[1] дасти Кисро гирифт,
Бад-ӯ монда буд шоҳи Эрон шигифт.

Аз ӯ номвар даст бистад ба хашм,
Ба тундӣ зи Маздак битобид чашм.

Ба Маздак чунин гуфт хандон Қубод,
Ки «Аз кини Кисро чӣ дорӣ ба ёд?»

Чунин гуфт Маздак, ки «Ӯ[2] роҳи рост
Ниҳонӣ надорад, на бар[3] дини мост».

Ҳамон гаҳ зи Кисро бипурсид шоҳ,
Ки «Аз дини беҳ бугзарӣ, нест[4] роҳ?»

Бад-ӯ гуфт Кисро: «Чу ёбам замон,
Бигӯям, ки кажж аст яксар гумон,

Чу пайдо шавад[5] кажживу костӣ,
Дурафшон шавад[6] пеши ту[7] ростӣ».

Бад-ӯ гуфт Маздак: «Замон чанд рӯз
Ҳаме хоҳӣ аз шоҳи гетифурӯз?»

Варо[8] гуфт Кисро: «Замон панҷ моҳ,
Шашумро ҳама бозгӯям ба шоҳ».

Бад-ин барниҳоданду гаштанд боз,
Ба айвон шуд он шоҳи гарданфароз.

Фиристод Кисро ба ҳар ҷой кас,
Ки донандае диду фарёдрас.

Кас омад сӯи хурраи Ардашер,
Ки ояд ба даргоҳи Ҳурмузи пир.

1. Л-шуд,
2. И-Ба шоҳи ҷаҳон гуфт, к-ӯ
3. И- Надорад ба дил-дар, на дар
4. ИЛ- чист
5. И- кунам
6. И-Дурахшон кунам
7. Л-ман
8. И- Бад-ӯ

www.sattor.com

В-аз[1] Истахр Меҳродари[2] порсӣ
Биёмад ба даргоҳ бо ёрсӣ.

Нишастанд донишпажӯҳон ба ҳам,
Сухан рафт ҳар гуна бар бешу кам.

Ба Кисро супурданд яксар сухан,
Хирадманд донандагони куҳан.

Чу бишнид Кисро, ба назди Қубод
Биёмад, зи Маздак ҳаме кард[3] ёд,

Ки «Акнун фароз омад он рӯзгор,
Ки дини беҳеро кунам хостор.

Гар эдун, ки ӯро бувад ростӣ,
Шавад[4] дини Зардушт дар[5] костӣ.

Пазирам ман ин пок дини варо,
Зи ҷон баргузинам гузини варо.

Чу роҳи Фаридун шавад нодуруст,
Набояд ба гетӣ ҳаме Занду Уст.

Сухан гуфтани Маздак ояд ба ҷой,
Набояд ба гетӣ ҷуз ӯ раҳнамой.

В-ар[6] эдун, ки ӯ кажжӣ гӯяд ҳаме,
Раҳи покяздон наҷӯяд[7] ҳаме,

Ту безор гард аз раҳу дини ӯй,
Бинеҳ дур нохуррам оини ӯй.

Ба ман деҳ ваю он[8] ки дар дини ӯст,
Мабодо якеро аз ин[9] мағзу пӯст».

1. И-Зи
2. ИЛ-Меҳрозари
3. Л-басе кард
4. Л-Бувад
5. Л-бар
6. Л-Гар
7. Л-нагӯяд
8. Л-ваю-в-он
9. Л-ба тан

www.sattor.com

Гуво кард Размеҳру Харродро,
Фароҳину Бандую Беҳзодро.

В-аз он ҷойгаҳ шуд ба айвони хеш,
Нигаҳ кард[1] он рост паймони хеш.

Чу[2] шабгир хуршед бинмуд тоҷ,
Замин шуд ба кирдори дарёи[3] оҷ.

Ҳаме ронд[4] фарзанди шоҳи ҷаҳон,
Сухангӯй бо мӯбадону[5] меҳон.

Баробар ба айвони шоҳ омаданд,
Сухангӯву ҷӯяндароҳ омаданд.

Дилорой мӯбад сӯи Кайқубод
Биёмад, суханро дар андаркушод.

Чунин гуфт мӯбад[6] ба пеши гурӯҳ,
Ба Маздак, ки «Эй марди донишпажӯҳ,

Яке дини нав сохтӣ дар[7] ҷаҳон,
Ниҳодӣ зану хоста дар миён.

Чӣ донад писар, к-аш кӣ бошад падар,
Падар ҳамчунин чун шиносад писар?

Чу мардум баробар бувад дар ҷаҳон,
Набошанд пайдо кеҳону меҳон.

Кӣ бошад, ки ҷӯяд дари кеҳтарӣ,
Чӣ гуна тавон сохтан меҳтарӣ?

Кӣ бошад марову туро коргар,
Чу мардум ҷудо монад аз беҳ батар?

1. Л-дошт
2. И-Ба
3. И-тобанда
4. И-Ҳаме рафт
5. И-бихрадону
6. И-Кисро
7. Л-бар

www.sattor.com

Касе, к-ӯ мурад, ҷою чизаш[1] кирост,
Чӣ шуд шоҳ бо коргар ҳар ду[2] рост?

Ҷаҳон з-ин сухан пок вайрон шавад,
Набояд, ки ин бад ба Эрон шавад,

Ҳама кадхудоянду муздур кист,
Ҳама ганҷдоранд, ганҷур кист?

Зи диноварон ин сухан кас нагуфт,
Ту девонагӣ доштӣ дар[3] нуҳуфт,

Ҳаме мардумонро ба дӯзах барӣ,
Ҳаме кори бадро ба бад нашмарӣ».

Чу бишнид гуфтори мӯбад Қубод,
Барошуфту андар[4] сухан дод дод.

Гаронмоя Кисро варо ёр гашт,
Дили марди бедин пурозор гашт.

Пуровоз гашт[5] анҷуман сарбасар,
Ки «Маздак мабодо бари тоҷвар!

Ҳаме дорад ӯ дини Яздон табоҳ
Мабодо бад-ин номвар боргоҳ[6]

Аз он дин ҷаҳондор безор гашт[7],
Зи карда сараш[8] пур зи тимор гашт.[9]

Ба Кисро супурдаш ҳамон гоҳ шоҳ,
Або ҳар кӣ ӯ дошт он дину роҳ,

Бар он роҳ буд номвар се[10] ҳазор,
Ба фарзанд гуфт он замон шаҳрёр,

1. И-чизу молаш
2. И-мӯбаду банда; И-Ки шуд коргарбанда бо шоҳ
3. И-дорӣ андар
4. Л-ҳам
5. Л-шуд
6. И-пешгоҳ.
7. И-Ҷаҳонҷӯй безор шуд; Л-шуд,
8. И-дилаш
9. ИЛ- шуд.
10. И-бар маздакӣ шуд

www.sattor.com

Ки «Бо ин сухан[1] ҳар чӣ хоҳӣ, бикун,
В-аз ин пас[2] зи Маздак магардон сухун».

Ба даргоҳи[3] Кисро яке боғ буд,
Ки девори ӯ бартар аз роғ буд.

Ҳаме[4] гирд бар гирди он канда кард,
Мар ин мардумонро пароканда кард.

Бикуштандашон ҳам ба сони дарахт,
Забар пою сар зер оганда сахт.

Ба Маздак чунин гуфт Кисро, ки «Рав,
Ба наздики боғи гаронмоя шав,

Ки тухме, ки киштӣ бад-ин рӯзгор,
Туро дод, эй ноҳашивор бор.[5]

Дарахтон бубинӣ, ки он кас надид,
На аз кордонони пешин шунид».

Бишуд Маздаку боғ букшод дар,
Ки бинад магар бар чаман[6] борвар.

Ҳамон гаҳ ки дид, аз танаш рафт ҳуш,
Баромад баногоҳ аз ӯ як хурӯш.

Яке дор фармуд Кисро баланд,
Фурӯ ҳишта аз дор печон каманд.

Нагунбахтро зинда бар дор кард,
Сари марди бедин[7] нагунсор кард,

В-аз он пас бикушташ ба борони тир,
Ту гар боҳушӣ, роҳи Маздак магир![8]

---

1. Л-сарон; И-Або он сагон
2. И-Або ман
3. Л-майдони
4. Л-Ҳама
5. И-б. 345 нест.
6. И-Магар ба чаман бинад ӯ
7. И-баддин
8. ТПМ – Шунидам дигаргуна аз бихраде,
Ҷаҳондидае пиргашта раде,
Ки ин Маздак аз шоҳ духтар-ш хост,
Ҳамон шоҳиву тоҷу афсар-ш хост.

www.sattor.com

Бузургон шуданд эмин аз хоста,
Зану зодаву ганҷи[1] ороста,

Ҳаме буд бо шарм чанде Қубод,
Зи нафрини Маздак ҳаме кард ёд,

Ба дарвеш бахшид бисёр чиз,
Бар оташкада хилъат афканд низ.

Зи Кисро чунон шод шуд шаҳрёр,
Ки шоҳаш ҳаме гавҳар овард бор.

К-аз он пас ҳама рой бо ӯ задӣ,
Сухан ҳар чӣ гуфтӣ, падар бишнадӣ.

ВАЛИАҲД КАРДАНИ ҚУБОД КИСРОРО ВА БУЗУРГОН НОМИ НӮШЕРВОН ДОДАН ӮРО

Зи шоҳиш чун сол бугзашт чил,
Ғами рӯзи марг андаромад ба дил.

Яке нома бинвишт пас бар ҳарир,
Бад-он хатти шоистаи дилпазир.

Нахуст офарин кард бар додгар,[2]
Ки ӯ дод дину хирад, ҳам ҳунар.[3]

Бибошад ҳаме бегумон, ҳар чӣ гуфт,
Чи бар ошкоро, чи андар нуҳуфт,

Сари подшоҳишро кас надид,
Нашуд хор ҳар кас, ки ӯро гузид.

«Ҳар он кас, ки бинед хатти Қубод,[4]
Ба ҷуз панди доно магиред ёд.

Ба Кисро супурдам сазовор тахт,
Пас аз марги мо ӯ бувад некбахт.

Бифармуд, то қир бугдохтанд,
Нагунсор дар қираш андохтанд.

1. Л-боғи; И-хонаву кохи
2. И-Кирдгор
3. И-К-аз ӯ дид неку бади рӯзгор.
4. И-бинад хатти Кайқубод,

www.sattor.com

Ки Яздон аз он пур хушнуд бод,
Дили бадсиголаш пур аз дуд бод.

Бад-ин мӯҳр ҷустем аз мӯбадон,
Чи аз зердастону фаррух радон.

Зи гуфтори ӯ ҳеҷ мапроканед,
Аз ӯ шод бошеду ганҷ оганед».

Бар он нома-бар мӯҳри заррин ниҳод,
Бари мӯбади Ромбарзин ниҳод.

Ба ҳаштод шуд солиёни Қубод,
Набуд рӯзи пирӣ ҳам аз марг шод.

Ба гетӣ-дар аз марг хушнуд кист,
Ки фарҷоми кораш кӣ донад, ки чист?

Намонду[1] ҷаҳон мурдарӣ монд аз ӯй,
Шуд он ранҷу[2] осониву рангу бӯй.

Зи гирд овaридан кӣ ёбад беҳӣ,
Ки мерафт[3] бояд ба дасти тиҳӣ[4]

Танашро ба дебо биёростанд,
Гулу мушку кофуру май хостанд.

Яке дахма карданд шоҳаншаҳӣ,
Яке[5] тахти заррину тоҷи меҳӣ.

Ниҳоданд бар тахти зар шоҳро,
Бубастанд то ҷовидон роҳро.

Аз он пас надиданд чеҳри Қубод,
Ба гетӣ гузар кард гуфтӣ чу бод.

Чӣ бошӣ ту эмин зи гардуни пир,
Ки фарҷом анҷомадат ногузир?[6]

1. Л-Бимурду
2. Л-ганҷу
3. Л- Ҳамерафт
4. И-б. 371 нест.
5. И-Дар ӯ
6. И-б. 375, 376 нест.

www.sattor.com

Чу мӯбад бипардохт аз сӯги шоҳ,
Ниҳод он кайинома бар пешгоҳ.

Ба Эрон бузургон або[1] мӯбадон
Ба гирд омаду номвар бихрадон.[2]

Бар он анҷуман нома бархонданд,
Валиаҳдро шод биншонданд.

Чу Кисро нишаст аз бари гоҳи нав
Ҳаме хондандӣ варо шоҳи нав.

Ба шоҳӣ бар ӯ хонданд офарин,
Ба фармони ӯ шуд замону замин,

Ҷаҳон тоза гашт аз сари тоҷи ӯй,[3]
Або гург меш об хӯрдӣ ба ҷӯй,[4]

Ки ин шоҳ бар гоҳ ҷовид бод,
Фараш бартар аз фарри[5] Ҷамшед бод.

Зи бас хубиву доду оини ӯй,
В-аз он номвар донишу дини ӯй[6]

Варо ном карданд Нӯшинравон,
Ки чеҳраш ҷавон буду давлат ҷавон.

Ба сар шуд кунун номаи Кайқубод,
Зи Кисро барам з-ин сипас ному ёд.

АЗ ПИРӢ НОЛИДАНИ САРОЯНДА

Ало, эй дилорой, сарви баланд,
Чӣ будат, ки гаштӣ чунин мустаманд?

---

1. К-або
2. И-б. 378 нест.
3. ТПМ – Ҳам эдун ба оини фаррух падар,
   Або ҷоху бо обу бо зебу фар.
4. Л-шуд аз сару тоҷи ӯ.
5. Л-ӯ;
   ТПМ – Аз он тахти рахшанда шодон шуданд,
   Ҳама кас бар ӯ офарин хонданд.
6. И-б. 380-384 нест; Л-б. 383. 384 нест.

www.sattor.com

Бад-он шодмониву он фарру зеб
Чаро буд[1] дили равшанат пурниҳеб?

Чунин гуфт пурсандаро сарвбун,
Ки шодон будам, то нагаштам куҳун,

Чунин суст гаштам зи нерӯи шаст,
Бипарҳезу бо ӯ масов эч даст.

Дами аждаҳо дораду чанги шер,
Бихояд касеро, ки ояд ба зер.

Ҳамовози раъд асту ҳамзӯри карг,
Ба як даст ранҷу ба як даст марг.

Зи сарви дилорой чанбар кунад,
Суманбаргро ранги анбар кунад.

Гули арғувонро кунад заъфарон,
Пас аз заъфарон ранҷҳои гарон.[2]

Шавад бастаи банд пойи[3] наванд,
В-аз ӯ хор гардад тани арҷманд.

Маро дурри хушшоб сустӣ гирифт,
Ҳамон сарви озод пастӣ гирифт.

Хурӯшон шуд он[4] наргисони дижам,
Ҳаме гирад аз сустиву ранҷ нам.[5]

Дили шоду беғам пур аз дард гашт,
Чунин рӯзи мо ноҷавонмард гашт.

Бад-он гаҳ ки мардум бувад сери[6] шир,
Шитоб оварад маргу хонанд-ш[7] пир.

Чилу ҳашт шуд аҳди Нӯшинравон,
Ту бар шаст рафтӣ, намонӣ ҷавон.

1. Л-шуд
2. Л-б. 394 нест.
3. Л-баста ин тундпои
4. Л-ин
5. Л-ранҷи ӯ пушт ҳам.
6. Л-хурад сер
7. Л-хонад-ш

www.sattor.com

Саранҷом ҷӯй аз ҳама кори хеш,
Ба тимори бешӣ макун дил-т реш.[1]

Шигифтӣ ба гетӣ чу Рустам басест,
К-аз ӯ достон дар дили ҳар касест.

Сари мояи мардиву ҷанг аз ӯст,
Хирадмандиву донишу санг аз ӯст,

Кунун адли Кисрой пеш оварем,
Зи дафтар ба гуфтори хеш оварем.

---

1. Л-б. 401 нест; И-ба ҷои б. 387-201 ин б. омада:

Ба номи Худованди хуршеду моҳ.,
Ки дилро ба номаш хирад дод роҳ,
Худованди ҳастиву ҳам ростӣ,
Нахоҳад зи ту кажживу костӣ.
Худованди кайвону баҳрому шед,
В-аз ӯям навиду в-аз ӯям умед.
Аз ӯ гашт хуршед пайдо замон,
Пайи мӯр ҳастӣ бар ӯ- бар нишон,
Ситудан мар ӯро надонам ҳаме,
Аз андеша ҷон барфишонам ҳаме.
Зи гарданда хуршед то тирахок,
Сари гавҳарон оташу оби пок.
Ками ӯ физояндаву бениёз,
Ту дар подшоҳиш нозу гудоз.
Зи дастуру ганҷуру аз тоҷу тахт,
Зи каммиву бешиву аз ному бахт
Ҳам ӯ бениёз асту мо бандаем,
Ба фармону рояш сар афкандаем,
Чу ҷону хирад бегумон кардаанд,
Сипеҳру ситора баровардаанд.
Чунин омад аз гунбади тезгард,
Гаҳе шодмонӣ диҳад, гоҳ дард.
Ҷуз ӯро мадон Кирдгори баланд,
К-аз ӯ шодмонӣ в-аз ӯ мустаманд.
Шабу рӯз, гардонсипеҳр офарид.
Хӯру хобу тундиву меҳр офарид,
Ба хушкӣ чу пилу ба дарё наҳанг,
Хирадманди бинодилу марди санг.
Зи ҳукме, ки ӯ кард, барнагзарад,
В-агар фарқи кайвон ҳаме биспарад.

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ КИСРОИ НӮШИНРАВОН

Чилу ҳашт сол буд

АНДАРЗ КАРДАНИ НӮШИНРАВОН САРДОРОНИ ЭРОНРО

Чу Кисро нишаст аз бари тахти оҷ,
Ба сар барниҳод он дилафрӯз тоҷ.

Бузургони гетӣ шуданд анҷуман,
Чу биншаст солор бо ройзан.[1]

Сари номдорон забон баркушод,
Зи дидори некидиҳиш кард ёд.

Чунин гуфт, к-«аз Кирдгори сипеҳр
Дили мо пур аз офарин боду меҳр,

К-аз[2] ӯяст неку баду нангу[3] ном,
Аз ӯ мустамандем,[4] аз ӯ шодком.

Ба фармони ӯ тобад аз чарх ҳур
Аз ӯяст фарру бад-ӯяст зӯр.

Зи рою зи фармони ӯ нагзарем,
Нафас ҷуз ба фармони ӯ нашмарем.[5]

Ба тахти меҳӣ-бар ҳар он кас, ки дод
Кунад, дар дил ӯ бошад аз дод шод.

Ҳар он кас, ки андешаи бад кунад,
Ба фарҷом бад бо тани х(в)ад кунад.

Аз андешаи дил кас огоҳ нест,
Бад-ин тангӣ-андар маро роҳ нест.

1. Л-б. 2 нест.
2. И-Аз
3. Л-кому
4. Л-мустаманду
5. И-б. нест.

www.sattor.com

Зи мо ҳар чӣ хоҳед,[1] посух диҳем,
Ба хоҳишгарон рӯзи[2] фаррух ниҳем.

Агар подшоро бувад пеша дод,
Шавад,[3] бегумон, ҳар кас аз дод шод.[4]

Аз имрӯз коре ба фардо мамон,
Кӣ донад,[5] ки фардо чӣ гардад[6] замон?

Гулистон, ки имрӯз бошад бабор,
Ту фардо чинӣ гул, наёяд ба кор.

Бад-он гаҳ ки ёбӣ танат зӯрманд,
Зи беморӣ андешу дарду газанд.

Паси зиндагӣ ёд кун рӯзи марг,
Чунонем бо марг чун боду барг.

Ҳар он гаҳ ки дар кор сустӣ кунӣ,
Ҳаме ройи нотандурустӣ кунӣ.

Чу чира шавад бар дили мард рашк,
Яке дардманде бувад бепизишк.

В-агар бар хирад чира гардад ҳаво,
Нахоҳад ба девонагӣ-бар гуво.

Дигар марди бекору бисёргӯй,
Намонад ба назди касаш[7] обрӯй,

Ба кажжӣ туро роҳ ториктар,
Сӯи ростӣ роҳ бориктар.

Ба коре, ки ту пешдастӣ кунӣ,
Бад ояд, ки кундиву сустӣ кунӣ.

Агар ҷуфт гардад забон бо дурӯғ,
Нагирад зи тахти сипеҳрӣ фурӯғ.

1. И-пурсанд,
2. И-посух ҳама ройи
3. ИЛ-Кунад
4. И-ёд.
5. И-Чӣ донӣ
6. И-созад
7. Л-Намонад-ш назди касе

www.sattor.com

Сухан кажж гуфтан зи бечорагист,
Ба бечорагон-бар бибояд гирист.

Чу бархезад аз хоб шоҳ аз нахуст,
Зи душман бувад эмину тандуруст.

Хирадманду аз хӯрданӣ бениёз,
Фузунӣ бар ин дарду ранҷ асту оз.

Агар шоҳ бододу бахшоиш аст,
Ҷаҳон пур зи хубиву ороиш[1] аст.

В-агар кажжӣ орад ба роҳ-андарун,
Кабасташ бувад хӯрдану об хун.

Ҳар он кас, ки ҳаст андар ин анҷуман,
Шунид ин баровaрда[2] овози ман,

Бидонеду сартосар огаҳ бувед,
Ҳамасола бо бахт ҳамраҳ бувед,

Ки мо тоҷдорон басе дидаем,
Ба доду хирад роҳ бугзидаем.[3]

Валекин зи дастур бояд шунид,
Баду нек бе ӯ[4] наёяд падид.

Ҳар он кас, ки ояд бад-ин боргоҳ,
Ба боиста коре наёбанд роҳ,

Набошам зи дастур ҳамдостон,
Ки бар ман бипӯшад чунин достон.

Ба даргоҳ-бар кордонони ман,
Зи лашкар набардасаворони ман,

Чу рӯзӣ бар эшон надорем танг,
Нигаҳ кард бояд ба ному[5] ба нанг.

1. ИЛ-осоиш
2. И-Ҳама гӯш доред
3. И-рой парвардаем.
4. Л-Некро з-ӯ
5. Л-Ба некӯ

www.sattor.com

Ҳама мардумӣ бояду ростӣ,
Набояд ба додан-дарун костӣ.

Ҳар он кас, ки бошад зи эрониён,
Бубандад бар ин боргаҳ-бар миён.

Биёбад зи мо ганҷу гуфтори нарм,
Чу бошад парастанда борою шарм.

Чу бедод гирад касе зердаст,
Набошад хирадманду эзадпараст.[1]

Мукофот ёбад бад-он бад, ки кард,[2]
Набояд ғами ноҷавонмард х(в)ард.

Шумо дил ба фармони Яздони пок
Бидореду аз[3] мо мадоред бок,

Ки ӯяст бар подшо подшо,
Ҷаҳондору пирӯзу фармонраво.

Фурӯзандаи тоҷу хуршеду моҳ,
Намоянда моро сӯи дод роҳ.

Ҷаҳондору бар доварон довар аст,
Аз андешаи ҳар касе бартар аст.

Замону замин[4] офариду сипеҳр,
Биёрост ҷону дили мо ба меҳр.[5]

Нигаҳдори тоҷ асту тахти баланд,
Туро бар парастиш бувад ёрманд.[6]

---

1. И-яздонпараст; Л-б. 38-40 нест.
2. Л-бояд бад-он коркард,
3. Л-в-аз
4. Л-Макону замон
5. И- Макону замону сипеҳр офарид,
   Биёрост ҷонрову меҳр офарид.
6. ТПМ – Агар додгар низ бошем, аз ӯст,
   Чу бахшандаи чиз бошем, аз ӯст.
   Ҳама кардаи ӯ бувад ҳар чӣ ҳаст
   Ғаму шодмониву болову паст.

www.sattor.com

Шуморо дил аз меҳри мо барфурӯхт,
Дилу чашми[1] душман ба фармон бидӯхт.[2]

Ҳама тандурустӣ ба фармони ӯст,
Ҳама некувӣ[3] зери паймони ӯст.

Зи хошок[4] то ҳафт чархи баланд,
Ҳамон оташу обу хоки нажанд

Ба ҳастии Яздон гувоӣ диҳанд,
Равони туро ошноӣ диҳанд.

Ситоиш ҳама зери фармони ӯст,
Парастиш ҳама зери паймони ӯст».

Чу Нӯшинравон ин сухан баргирифт,
Ҷаҳоне аз ӯ монда андар шигифт.

Ҳама яксар аз ҷой бархостанд,
Бар ӯ офарине нав оростанд.

БАХШИДАНИ КИСРО ПОДШОҲИРО БА ЧАҲОР БАҲР ВА ТАДБИР КАРДАН ХИРОҶРО

Шаҳаншоҳ донандагонро бихонд,
Суханҳои гетӣ саросар биронд.

Ҷаҳонро бубахшид бар чор баҳр,
В-аз ӯ номзад кард обод шаҳр.

Нахустин Хуросон аз он ёд кард,
Дили номдорон бад-ӯ шод кард.

Дигар баҳра з-ӯ Қум буду Исфаҳон,
Ниҳоди бузургону ҷои меҳон.

В-аз он баҳрае[5] Озарободагон,
Ки бахшиш ниҳоданд озодагон.

1. И-ҷони
2. ИЛ-бисӯхт.
3. И- ростӣ
4. Л-аз ин хок
5. И-сайӯм баҳра з-ӯ

www.sattor.com

В-аз Армения то дари Ардабил,
Бипаймуд бинодилу[1] буми Гил.

Севум Порсу[2] Аҳвозу марзи Хазар,
Зи Ховар варо[3] буд то Бохтар.

Чаҳорум[4] Ироқ омаду буми Рум,
Чунин подшоҳиву ободбум.

В-аз ин марзҳо ҳар кӣ дарвеш буд,
Ниёзаш ба ранҷи тани хеш буд,

Бубахшид оганда ганҷе бар ин,
Ҷаҳоне бар ӯ хонданд офарин.

Зи шоҳон ҳар он кас, ки буд пеш аз ӯй,[5]
Агар кам будаш ҷоҳ,[6] агар беш аз ӯй,[7]

Биҷустанд баҳра зи киштy дуруд,
Нарастаст кас пеш аз ин нобисуд,

Сеяк буд то чоряк баҳри шоҳ,
Қубод омаду даҳяк овард роҳ.

Зи даҳяк бар он буд, ки камтар кунад,
Бикӯшад, ки кеҳтар чу меҳтар кунад.

Замона надодаш бар он-бар диранг,
Ба дарё бас эмин машав аз наҳанг.

Чу Кисро нишаст аз бари тахти оҷ,
Бубахшид бар ҷои даҳяк хироҷ.

Шуданд анҷуман бихрадону радон,
Бузургону бедордил мӯбадон.

Ҳама подшоҳӣ шуданд анҷуман,
Заминро бубахшиду барзад расан.

1. Л-бино бар ӯ
2. И-Чаҳорӯм чу
3. И-аз ӯ
4. И-Ба панҷум
5. И-ӯ,
6. И-гоҳ,
7. И-ӯ.

www.sattor.com

Газете ниҳоданд бар як дирам,
Гар эдун, ки деҳқон нагардад дижам.

Касеро куҷо тухм, ё чорпой,
Ба ҳангоми варзиш набудӣ ба ҷой,

Зи ганҷи шаҳаншоҳ бардоштӣ,
Зи киштан замин хор нагзоштӣ.

Ба нокишта-андар набудӣ сухан,
Пароканда шуд расмҳои куҳан.

Газети рази борвар шаш дирам,
Ба хурмоситон бар ҳамин зад рақам.

Зи зайтуну аз гавзу аз[1] мевадор,
Ки ҳар[2] меҳргон шох будӣ бабор,

Зи даҳ бун дирам як[3] расидӣ ба ганҷ,
Набудӣ ҷуз ин низ то соли ранҷ.

В-аз ин хӯрданиҳои хурдодмоҳ
Накардӣ ба бож-андарун кас нигоҳ.

Касе, к-аш дирам буду деҳқон набуд,
Надидӣ ғаму ранҷи кишту дуруд.[4]

Бар андоза аз даҳ дирам то чаҳор
Ба соле аз ӯ бистадӣ кордор.[5]

Касе бар кадевар[6] накардӣ ситам,
Ба соле ба се баҳра буд[7] ин дирам.

Гузоранда бурдӣ ба девони шоҳ
Аз ин бож баҳре ба ҳар чор моҳ.

---

1. Л-зайтун в-аз кавзу ҳар
2. Л-дар
3. Л-дираме
4. И-б. 80, 81 нест.
5. И-шаҳриёр.
6. Л-касе-бар
7. Л-се баҳра будӣ

www.sattor.com

Дабиру[1] парастандаи шаҳрёр,
Набудӣ ба девон касе бешумор.[2]

Газету хироҷ он чи буд, ном бурд,
Ба се[3] рӯз нома ба мӯбад супурд.

Яке он ки бар дасти ганҷур буд,
Нигаҳбони он нома дастур буд.

Дигар, то фиристад ба ҳар кишваре
Ба ҳар кордореву ҳар меҳтаре.[4]

Се дигар, ки наздики мӯбад баранд,
Газети сару божҳо бишмаранд.

Ба фармони ӯ буд, коре ки буд,
Зи божу[5] хироҷу зи кишту дуруд.

Пароканда корогаҳон дар ҷаҳон,
Ки то неку бад з-ӯ намонад ниҳон.

Ҳама рӯи гетӣ пур аз дод кард,
Ба ҳар ҷой вайронӣ[6] обод кард.

Бихуфтанд бар дашт хурду бузург,
Ба обишхӯр омад ҳаме мешу гург.

НОМА НАВИШТАНИ НӮШИНРАВОН БА КОРДОРОНИ ХЕШ

Яке нома фармуд бар паҳлавӣ,
Писанд оядат, чун зи ман бишнавӣ.

Нахустин сари нома гуфт: «Аз меҳ аст
Шаҳаншоҳ Кисрои яздонпараст.[7]

---

1. И-Дабири
2. И- з-ин шумор.
3. И-шаш
4. И-б. 87, 88 нест.
5. И-тоҷу
6. ИЛ-вайрона
7. ТПЛМ - Ки буд* рӯзи Баҳроми пурдодмоҳ.
   Ки Яздон бидодаш ҳаме** тоҷу гоҳ.

   * бар. ** Яздон-ш дод аз ҷаҳон

www.sattor.com

Барӯманд шох аз дарахти Қубод,
Ки тоҷи бузургӣ ба сар барниҳод.

Сӯи кордорони божу хироҷ,
Парастандаи сояи фарру тоҷ.[1]

Беандоза аз мо шуморо дуруд,
Ҳунар бо нажод ар бувад,[2] барфузуд.

Нахустин сухан чун кушоиш кунем,
Ҷаҳонофаринро ситоиш кунем.

Хирадманду бинодил онро шинос,
Ки дорад зи додори гетӣ[3] сипос.

Бидонад, ки ҳаст ӯ зи мо бениёз,
Ба наздики ӯ ошкор аст роз.

Касеро куҷо сарфарозӣ диҳад,
Нахустин дараш бениёзӣ диҳад.[4]

Маро дод фармуду худ довар аст,
Зи ҳар бартарӣ ҷовидон бартар аст.

Ба Яздон расӣ, шоҳу кеҳтар якест,
Касеро ҷуз аз бандагӣ кор нест.

Зи жарфи[5] замин то ба чархи баланд,
Зи хуршед[6] то тирахоки нажанд

Паи мӯр бар хештан-бар гувост,
Ки мо бандагонему ӯ подшост.

Нафармуд моро ба ҷуз ростӣ,
Ки дев оварад кажживу костӣ.

---

1. ТПЗ - Аз ӯ вижа* обод ҳар буму бар,
Ки Яздони додовараш** дод фар.
* Л-бар. ** Яздон-ш дод аз ҷаҳон
2. Л- он ки буд,
3. Л-кайҳон
4. И-б. 102 нест.
5. И-қаъри
6. Л-хошок

www.sattor.com

Агар бахри ман з-ин ҷаҳони фарох[1]
Набудӣ ҷуз аз боғу майдону кох,[2]

Наҷустӣ дили ман ҷуз аз доду меҳр,
Кушодан ба ҳар кор бедор[3] чеҳр.

Кунун рӯи буми замин сарбасар,
Зи Ховар бар ӯ то дари Бохтар.

Ба шоҳӣ маро дод Яздони пок
Зи хуршеди рахшанда то тирахок.

Набояд, ки ҷуз доду меҳр оварем,
Дигар чин ба коре ба чеҳр оварем.

Шубоне камандешу дашти[4] бузург,
Ҳаме гӯсфанде намонад зи гург.

Набояд, ки бар зердастони мо,
Зи деҳқону аз дарпарастони мо,

Ба хушкӣ ба хоку ба киштӣ бар об,
Ба рахшанда рӯзу ба ҳангоми хоб,

Зи бозоргонон, ки бар тарру хушк
Дирам дораду дурри хушшобу мушк,

Набояд, ки худ ҷуз ба доду ба меҳр
Бар эшон битобад зи хамми сипеҳр.

Бад-ин гуна рафт ин нажоду гуҳар,
Писар тоҷ ёбад ҳаме аз падар.

Ба ҷуз доду хубӣ набуд дар ҷаҳон,
Яке буд бо ошкоро ниҳон.

Ниҳодем рӯи заминро хироҷ
Дарахту газет аз пайи тахту тоҷ.

1. И-сарои сипанҷ
2. И- боғу девони ганҷ
3. Л-кори бедод
4. ИЛ- даште

www.sattor.com

Чу ин нома оранд назди шумо,
Ки фархунда бод урмузди шумо.

Касе, к-ӯ бар ин як дирам бугзарад,
Ба бедод-бар як нафас бишмарад.

Ба Яздон, ки ӯ дод дайҳиму[1] фарр,
Агар на, миёнаш бибуррам ба[2] арр.

Бад-ин низ бодафраи Кирдгор
Биёбад, чу тухми бад орад ба бор.

Ҳамин расму ин нома бинҳед пеш,
Магардед аз ин фаррух оину кеш.

Ба ҳар чор моҳе яке баҳра з-ин
Бихоҳед, бо доду бо офарин.

Ба ҷое, ки бошад зиёни малах,
В-агар таффи хуршед тобад ба шах,

В-агар барфу боди сипеҳри баланд
Бад-он киштмандон расонад газанд,

Ҳамон гар наборад ба Наврӯз нам,
Зи хушкӣ бувад[3] дашти хуррам дижам,

Махоҳед бож андар он буму руст,
Гар[4] абри баҳораш ба борон нашуст.

Зи тухми пароканда в-аз музди ранҷ,
Бубахшед корандагонро зи ганҷ.

Замине, ки ӯро худованд нест,
Бимурду варо хешу пайванд нест,

Мабодо, ки он[5] бум вайрон шавад,[6]
Ки дар сояи шоҳи Эрон бувад,

1. И-оину
2. И-Ки буррам миёнаш ба бурранда
3. Л-шавад
4. ИЛ-Ки
5. Л- Набояд, ки ин
6. Л-бувад.

www.sattor.com

Ки бадхоҳ бар ганҷ нанг оварад,
Ки чунин баҳона ба чанг оварад,

Ки вайрон бувад бум дар фарри ман,
Натобад бар ӯ сояи парри ман,

Зи ганҷ он чи бояд, мадоред боз
Ки кардаст Яздон аз он бениёз.[1]

Касеро, ки бошад бад-ин пойкор,
Агар гирад ин кори душвор хор,

Кунам зинда бар дор ҷое, ки ҳаст,
Агар сарфароз аст, агар зердаст.

Бузургон, ки шоҳони пешин буданд,
Аз ин кор бар дигар оин буданд.

Баду нек бо кордорон будӣ,
Ҷаҳон пеши аспи саворон будӣ.

Хирадро ҳаме хира бифрефтанд,
Аз афзудани ганҷ нашкефтанд.

Маро ганҷ додаст деҳқон сипоҳ,
Нахоҳам ба динор кардан нигоҳ.

Шумори ҷаҳон бозҷустан ба дод,
Нигаҳ доштӣ арҷи марди нажод.

Гиромитар аз ҷанги бадхоҳи ман,
Кӣ ҷӯяд ҳаме кишвару гоҳи ман.

Сипаҳбад, ки мардум фурӯшад ба зар,
Наёбад бад-ин боргаҳ-бар гузар.

Касеро бувад арҷ аз ин боргоҳ,
Ки бododу меҳр асту борасму роҳ.

Чу бедордил кордорони ман
Ба девони[2] мӯбад шаванд[3] анҷуман,

---
1. Л-б 135, 136 нест.
2. И-Ба наздики
3. Л-бувад

www.sattor.com

Падид ояд аз гуфти як тан дурӯғ,
Аз он пас нагирад бари мо фурӯғ.

Ба бедодгар-бар маро меҳр нест,
Палангу ҷафопеша мардум якест.

Ҳар он кас, ки ӯ роҳи Яздон биҷуст,
Ба оби хирад ҷони тира бишуст,

Бар ин боргоҳаш баландӣ бувад,
Бари мӯбадон арҷмандӣ бувад.[1]

Ба наздики Яздон зи тухме ки кишт,
Биёбад ба подош хуррамбиҳишт,

Ки мо бениёзем аз ин хоста,
Ки гардад ба нафрин равон коста.

Чу аз[2] гӯшти дарвеш бошад х(в)ариш,
Зи чармаш бувад бегумон парвариш.

Паланге[3] беҳ аз шаҳрёре[4] чунин,
Ки на шарм дорад, на оини[*5] дин.

Кушодаст бар мо дари ростӣ,
Чӣ кӯбем хира дари костӣ?

Ниҳонӣ бад-ӯ дод додан бар ӯй,
Бад-он то расад назди мо гуфтугӯй.

Ба наздики Яздон бувад нописанд,
Набошад бад-ин боргаҳ арҷманд.

Зи Яздону аз мо бад-он кас дуруд,
Ки аз меҳру додаш бувад тору пуд!

Агар додгар бошӣ, эй шаҳрёр,
Бимонад ба гетӣ яке ёдгор,[6]

1. И-б. 151 нест.
2. Л-Киро
3. Л-Пашизе
4. Л-шаҳрёри
5. М-оину
6. ТПЗ – Хирадманду бинодил онро шинос,
Ки дорад зи додори кайҳон сипос

www.sattor.com

Ки ҷовид ҳар кас кунад офарин,
Бар он шоҳ, к-обод шуд з-ӯ замин.

ДОСТОНИ БОБАК МӮБАДИ КИСРО ВА АРЗИ СИПОҲ ДОДАНАШ

Зи шоҳон, ки ботахту[1] афсар буданд,
Ба ганҷу ба лашкар тавонгар буданд,

Набуд додгартар зи Нӯширавон,[2]
Ки ҷовид бодо равонаш ҷавон!

На з-ӯ пурҳунартар ба мардонагӣ,
Ба тахту ба дайҳиму[3] фарзонагӣ.

Варо мӯбаде буд, Бобак ба ном,
Ҳашивору бинодилу шодком.

Бад-ӯ дод девони арзи сипоҳ,
Бифармуд, то пеши даргоҳи шоҳ

Биёрост ҷойи баланду фарох,
Сараш бартар аз теғи даргоҳи[4] кох.

Бигустурд фарше бар ӯ шоҳвор,
Нишастанд, ҳар кас ки будаш ба кор.

Зи девони[5] Бобак баромад хурӯш,
Ниҳоданд ҷумла[6] бар овоз гӯш,

Ки «Эй номдорони ҷангозмой,
Саросар[7] ба асп андароред пой.

Хиромед яксар ба даргоҳи шоҳ,
Ба сар барниҳода зи оҳан кулоҳ».

1. И-тоҷу
2. Л-Нӯшинравон,
3. И-ба тоҷу ба
4. И-айвону
5. И-даргоҳи
6. И-гурдон; Л-яксар
7. Л-якояк

www.sattor.com

Зиреҳдору бо гурзаи говсор,
Касе к-ӯ дирам хоҳад аз шаҳрёр.

Биёмад ба девони Бобак сипоҳ,
Ҳаво шуд зи гарди саворон сиёҳ.

Чу Бобак сипаҳро ҳама бингарид,
Дирафшу сари тоҷи Кисро надид.

Зи девон[1] ба асп андаровард пой,
Бифармудашон бозгаштан ба ҷой.

Ба ин чанд бугзашт[2] гардонсипеҳр,
Чу хуршеди тобанда бинмуд чеҳр,

Хурӯше даромад зи даргоҳи шоҳ,
Ки «Эй гурздорони эронсипоҳ,

Ҳама бо силеҳу камону каманд
Ба даргоҳи[3] Бобак шавед арҷманд».

Бирафтанд бо найзаву хӯду кабр,
Ҳаме гарди лашкар баромад ба абр.

Нигаҳ кард Бобак ба гарди сипоҳ
Чу пайдо набуд фарру авранди шоҳ,

Чунин гуфт, к-«Имрӯз бо меҳру дод
Ҳама бозгардед пирӯзу шод!».

Ба рӯзе се дигар баромад хурӯш,
Ки «Эй номдорони бофарру ҳуш,

Мабодо, ки аз лашкар он[4] як савор
На бо таргу бо ҷавшани корзор.

Биёяд, бад-ин боргаҳ бугзарад,
Ба девон араз номи ӯ бингарад.

1. Л-Аз айвон
2. Л-низ бигзашт чанде
3. Л-девони
4. Л-лашкарӣ

www.sattor.com

Ҳар он кас, ки ҳаст ӯ ба тоҷ арҷманд,
Ба фарру бузургиву тахти баланд,

Бидонед, к-ин арз озарм нест,
Сухан бар муҳобову бо шарм нест».

Шаҳаншоҳ Кисро чу бинҳод гӯш,
Зи девони Бобак шунид он хурӯш,

Бихандиду хафтону миғфар бихост,
Дирафши бузургӣ барафрошт рост.

Ба девони Бобак хиромид шоҳ,
Ниҳода ба сар-бар зи оҳан кулоҳ.[1]

Фурӯ ҳишта аз тарги румӣ зиреҳ,
Зада бар зиреҳ-бар фаровон гиреҳ.

Яке гурзаи говпайкар ба чанг,
Зада бар камар чор тири хаданг,

Ба бозу камону ба зин-бар каманд,
Миёнро ба зарринкамар карда банд.

Барангехт аспу бияфшорд[2] рон,
Ба гардан бароварда гурзи гарон.

Инонро чапу рост лахте бисуд,
Силеҳу саворӣ[3] ба Бобак намуд.

Нигаҳ кард Бобак, писанд омадаш,
Шаҳаншоҳро фарҳаманд[4] омадаш,

Бад-ӯ гуфт: «Шоҳо, анӯша бадӣ,
Равонро ба фарҳанг[5] тӯша бадӣ!

Биёростӣ рӯи кишвар[6] ба дод,
Бад-ин гуна дод аз ту дорем ёд.

1. И-б. 172-189 нест.
2. ИЛ-бияфшурд
3. И-савориву гурдӣ
4. Л-фарраманд
5. И- дидор
6. И-гетӣ

www.sattor.com

Далерӣ буд аз банда ин гуфтугӯй,
Сазад, гар напечӣ ту аз дод рӯй.

Инонро яке бозпечӣ ба рост,
Чунон к-аз хирадмандии ту сазост».

Дигарбора Кисро барангехт асп
Чапу рост бар сони Озаргушасп.

Нигаҳ кард Бобак бад-ӯ, хира монд,
Ҷаҳонофаринро фаровон бихонд.

Саворе ҳазору яке ду ҳазор
Набудӣ касеро гузар бар чаҳор.

Дирамме фузун кард рӯзӣ ба шоҳ,
Ба девон хурӯш омад аз боргоҳ,

Ки «Аспи сари ҷангҷӯён биёр
Савори ҷаҳон, номвар шаҳрёр».

Фаровон бихандид Нӯширавон,[1]
Ки «Давлат ҷавон буду хусрав ҷавон».

Чу бархост Бобак зи девони шоҳ,
Биёмад бари номвар пешгоҳ.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй шаҳрёри бузург,
Ки[2] имрӯз ман банда гаштам сутург.

Ҳама дар дилам ростӣ буду дод,
Дуруштӣ нагирад зи ман шоҳ ёд.

Дуруштӣ намояд, ки[3] бошад дуруст,
Анӯша касе, к-ӯ дуруштӣ наҷуст»[4].

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй ҳашивор мард,
Ту ҳаргиз зи роҳи дурустӣ магард.

1. Л-Нӯшинравон
2. Л-К-аз
3. Л-набошад, чу
4. Л-дурустӣ биҷуст».

www.sattor.com

Тани хешро гар муҳобо кунӣ,
Дили ростиро ҳаме бишканӣ.

Бад-ин арзи ту пеши[1] ман беш гашт,
Дилам сӯи андешаи хеш гашт,

Ки то[2] дар сафи коргоҳи набард
Чӣ гуна барорем з-овард[3] гард».

Чунин дод посух ба пурмоя[4] шоҳ,
Ки «Чун ту набинад нигину кулоҳ.

Чу дасту инони ту, эй шаҳрёр,
Ба Эрон[5] надидаст пайкарнигор.

Ба коми ту гардад[6] сипеҳри баланд,
Дилат шод боду дилат[7] бегазанд!»

Ба мӯбад чунин гуфт Нӯшинравон,
Ки «Бо доди мо пир гардад ҷавон.

Ба гетӣ набояд, ки аз шаҳрёр
Бимонад ҷуз аз ростӣ ёдгор.

Чаро бояд ин ранҷу ин ози ганҷ
Равон бастан андар сарои сипанҷ?[8]

Чу эдар нахоҳӣ ҳаме орамид,
Бибояд чариду бибояд чамид.

Пурандеша будам ба кори ҷаҳон,
Суханро ҳаме доштам дар ниҳон,

Ки то тоҷи шоҳӣ маро душман аст,
Ҳама гирд бар гирдам Оҳарман аст.

1. И-Бад-он арҷу назди; Л-Бад-он арҷи ту назди
2. Л-мо
3. Л- аз овард
4. И-посух овард Бобак ба
5. Л-айвон
6. Л-бодо
7. Л-танат
8. Л-б. 219 нест

www.sattor.com

Ба дил гуфтам, ар ман зи ҳар сӯ сипоҳ
Бихоҳам зи ҳар кишваре размхоҳ.

Нагардад силоҳ анҷуман ҷуз ба ганҷ
Ба ман баҳр ояд аз он ганҷ ранҷ.

Агар бад ба дарвеш хоҳад расид,
Аз ин орзу дил бибояд бурид![1]

Ҳаме рондам бо дили хеш роз,
Чу андеша пеши хирад шуд дароз,[2]

Сӯи паҳлавонону сӯи радон,
Ҳамон назди бедордил бихрадон,

Навиштам ба ҳар кишваре номае
Ба ҳар номдореву худкомае,

Ки ҳар кас, ки доранд ҳушу хирад,
Ҳаме кеҳтариро писар[3] парварад.

Ба майдон фиристед бо сози ҷанг,
Биҷӯянд наздики мо ному нанг.

Набояд, ки андар фарозу нишеб
Надонанд ҷангу[4] инону рикеб.

Ба гурзу ба шамшеру тиру камон
Бидонанд кӯшид бо бадгумон.

Ҷавон бе ҳунар сахт нох(в)аш бувад,
В-агарчанд фарзанди Ораш бувад.

Араз шуд зи дар сӯи ҳар кишваре,
Дирам бурд наздики ҳар меҳтаре.

Чиҳил рӯз будӣ аразро диранг,
Бирафтӣ ҷаҳонҷӯй бо сози ҷанг

1. Л-кашид!
2. Л-фароз,
3. ИЛ-ба сар
4. И-битобанд ҷангӣ

www.sattor.com

Ба девон[1] динор бардоштӣ,
Бад-ин хуррамӣ рӯз бугзоштӣ.

Кунун лоҷарам рӯи гетӣ ба мард
Биёростам, то ки орад набард.

Маро сози лашкар зи шоҳони пеш
Фузун асту ҳам донишу рои беш».[2]

Суханҳо чу бишнид мӯбад зи шоҳ,
Ҳаме[3] офарин хонд бар тоҷу гоҳ.

ДАР ДОДУ ФАРҲАНГИ НӮШИНРАВОН

Чу хуршед бинмуд тобанда чеҳр,
Дари боғ букшод гардонсипеҳр.

Падид омад он тӯдаи шанбалид,
Ду[4] зулфи шаби тира шуд нопадид.

Нишаст аз бари тахт Нӯшинравон,
Ба дил доду хуррам, ба[5] давлат[6] ҷавон.[7]

Ҷаҳоне ба даргоҳ бинҳод[8] рӯй,
Ҳар он кас, ки буд дар ҷаҳон дод ҷӯй.[9]

Ба овоз гуфт он замон шаҳрёр,[10]
Ки «ҷуз покяздон мадоред ёр,

Ки доранда ӯясту ҳам раҳнамой,
Ки ӯ даст гирад ба ҳар ду сарой.

1. И-девону
2. И-б. 238 нест.
3. И-басе.
4. И-Чу
5. Л-Диле шоду хандону
6. Хуҷаста дилафрӯз шоду
7. ТПЛМ – Хурӯше баромад зи даргоҳи шоҳ,
Ки «Ҳар кас, ки ҷӯяд сӯи дод роҳ,
Биёяд ба даргоҳи Нӯшинравон,
Хуҷаста дилафрӯз шоҳи ҷаҳон*».

* Л-ҷавон.

8. – даргаҳ ниҳоданд
9. Л-замин роҳҷӯй;
10. –ҷангҷӯй.

www.sattor.com

Мабошед тарсон ба[1] тахту кулоҳ,
Кушодаст бар ҳар кас ин боргоҳ.

Ҳар он кас, ки ояд ба рӯзу ба шаб,
Зи гуфтор баста мадоред лаб.

Агар май гусорем бо анҷуман,
Гар оҳиста бошем бо ройзан,

Ба чавгону бар дашти нахчиргоҳ
Бари мо шуморо кушодаст роҳ.

Ба хобу ба бедориву ранҷу ноз
Аз ин боргаҳ кас надоред боз.

Магар орзуҳо ҳама ёфта
Махуспанд як тан зи ман тофта.

Бад-он гаҳ шавад шод равшан дилам,
Ки ранҷи ситамдидае[2] бугсилам.

Мабодо, ки аз кордорони ман,
Гар аз лашкару пешкорони ман

Бихуспад касе бо дили дардманд,
Ки аз дарди ӯ бар[3] ман ояд газанд.

Сухан гарчи андак бувад дар ниҳон,
Бипурсад зи ман Кирдгори ҷаҳон.

Зи божу хироҷ он кучо мондааст,
Ки мӯбад ба девони мо рондааст,

Нахоҳанд низ аз шумо зарру сим,
Махуспед аз ин пас дил аз ман ба бим».

Баромад зи айвон яке офарин
Зи хуршед то тира рӯи замин,

Ки Нушинравон бод бо фарраҳӣ
Ҳамасола бо тоҷи[4] шоҳаншаҳӣ.

1. ИЛ- зи.
2. Л-ситамдидагон
3. И-бо
4. И-Ҳама сол бо тахти

www.sattor.com

Мабодо зи ту тахт пардахту гоҳ,
Ҳам ин номвар хусравонӣ кулоҳ!

Бирафтанд бо шодиву хуррамӣ,
Чу боғи Ирам гашт рӯи замӣ.

Ба гетӣ надидӣ касеро дижам,
Зи абр андаромад ба ҳангом нам.

Ҷаҳон шуд ба кирдори хуррам[1] биҳишт,
Ҳаме абр дар бӯстон лола кишт.

Дару дашту полез шуд чун чароғ,
Чу хуршед шуд боғу чун моҳ роғ.

Пас огоҳ[2] омад ба Руму ба Ҳинд,
Ки шуд рӯи Эрон чу румипаринд.[3]

Заминро ба кирдори тобандамоҳ
Ба доду ба лашкар биёрост шоҳ.

Касе он сипаҳро надонад[4] шумор
Ба гетӣ, магар номвар[5] шаҳрёр.

Ҳама бо дили[6] шоду бо сози ҷанг,
Ҳама гетиафрӯз бо ному нанг.

Дили шоҳи ҳар кишваре хира гашт,
Зи Нӯшинравоншон[7] равон тира гашт.

Надиданд бо хештан тови ӯй,
Сабук шуд ба дил бож бо сови ӯй.

Ҳама кеҳтариро биёростанд,
Басе бардаву бадраҳо хостанд.

---

1. Л-боғи
2. Л-огоҳӣ.
3. И-б. 265 нест.
4. И- Надонист кас он сипаҳро
5. И-Ки гирд омада буд бари
6. ИЛ- диле
7. И- Нӯшинравоншон
   ТПЗИЛ – Фиристода омад зи Ҳинду зи Чин,
   Ҳама шоҳро хонданд офарин.

www.sattor.com

Ба заррин амуду ба заррин кулоҳ
Фиристодагон баргирифтанд роҳ.

Ба даргоҳи шоҳи ҷаҳон омаданд,
Або[1] сову божи гарон[2] омаданд.

Биҳиште шуд ороста боргоҳ
Зи бас бадраву бардаву борхоҳ.

Бар ин низ бугзашт чандин, сипеҳр
Ҳаме рафт бо шоҳи Эрон ба меҳр.[3]

БАРГАШТАНИ НӮШИНРАВОН ГИРДИ ПОДШОҲИИ ХЕШ

Хирадманд Кисро чунон кард рой,
К-аз он марз лахте биҷунбад зи ҷой.

Бигардад яке гирди хуррам ҷаҳон,
Кушода кунад корҳои[4] ниҳон.

Бизад кӯсу аз ҷой лашкар биронд,
Ҳаме моҳу хуршед аз ӯ хира монд.[5]

Зи бас пайкари лашкару симу зар,
Камарҳои заррину заррин сипар,

Ту гуфтӣ ба кор-андарун зар намонд,
Ҳамон дурри хушшобу гавҳар намонд.

Таносон ба сӯи[6] Хуросон кашид,
Сипаҳро бар оини[7] Сосон кашид.

Ба ҳар буми[8] обод, к-ӯ баргузашт,
Саропардаву хаймаҳо зад ба дашт.

Чу бархостӣ нолаи карраной,
Мунодигаре пеш кардӣ[9] ба пой,

1. Л-Чу бо; И-Ки бо
2. ИЛ-меҳон
3. И-б. 275 нест.
4. И-розҳои
5. И-хира бимонд.
6. И-зи
7. И-Бар оину бар расми
8. И-буму
9. И-карда

www.sattor.com

Ки «Эй зердастони шоҳи ҷаҳон
Кӣ дорад газанде зи мо дар ниҳон?

Махуспед ноэмин аз шаҳрёр,
Мадоред аз андеша ҷонро низор.[1]

Аз ин гуна лашкар ба Гургон кашид,
Ҳаме тоҷу тахти бузургон кашид.

Чунон дон, ки каммӣ наёяд зи дод,
Ҳунар бояд аз шоҳу рою нажод.

Зи Гургон ба Сориву Омул шуданд,
Ба ҳангоми овози[2] булбул шуданд.

Дару дашт яксар ҳаме[3] беша буд,
Дили шоҳи Эрон пурандеша буд.

Зи ҳомун ба кӯҳе баромад баланд,
Яке тозие барнишаста саманд.

Сари кӯҳу он бешаҳо бингарид,
Гули сунбулу обу нахчир дид.

Чунин гуфт, к-«Эй довари[4] кирдгор,
Ҷаҳондору пирӯзу парвардгор,

Туӣ офаринандаи ҳуру моҳ,
Кушояндаву ҳам намояндароҳ.

Ҷаҳон офаридӣ бад-ин хуррамӣ,
Ки аз осмон нест пайдо замӣ.

Касе, к-ӯ ҷуз аз ту парастад ҳаме,
Равонро ба дӯзах фиристад ҳаме.

Азэро Фаридуни яздонпараст
Бад-ин гӯша[5] бархост ҷои нишаст»[6]

1. Л-ба зор.
2. Л-овои
3. Л-пур аз
4. ИЛ-равшани
5. Л-Бар ин кӯҳ
6. ТПЗ – Басе хуб ҷой асту бас дилпазир,
Ки обаш гулоб асту хокаш абир.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт гӯянда: «Эй додгар,
Гар эдар зи туркон набудӣ гузар,

Аз ин моявар ҷою ин фаррахӣ
Дили мо набудӣ зи ромиш тиҳӣ.

Наёрем гардан барафрохтан
Зи бас куштану ғорату тохтан.

Намонанд бисёру андак ба ҷой,
Зи паррандаву мардуму чорпой.

Газанде ки ояд бар эронсипоҳ,
Зи кишвар ба кишвар ҷуз ин нест роҳ.

Басе пеш аз ин кӯшишу разм буд,
Гузар туркро роҳи Хоразм буд.

Кунун чун зи деҳқону бозоргон[1]
Бурун оварад, сар диҳад ройгон.[2]

Сипоҳ оваридӣ бад-ин ҷойгоҳ,
Бигардон бад аз мову барбанд роҳ.[3]

Накоҳад ҳаме ганҷ, к-афзоиш аст,
Ба мо-бар кунун ҷойи бахшоиш аст».

Сиришк аз ду дида биборид шоҳ,
Чу бишнид гуфтори[4] фарёдхоҳ.

Ба дастур гуфт он замон шаҳрёр,
Ки «Пеш омад ин кори душхор хор.

Нашояд, к-аз ин пас чамему[5] чарем
В-агар хештан тоҷро парварем.

Ҷаҳондор напсандад аз мо ситам,
Ки бошем шодону деҳқон дижам.

1. И- озодагон
2. И- Зи Руму Раю Озарободагон
3. Л-б. 304 нест.
4. И-овози
5. И-ҷаҳему

www.sattor.com

Чунин кӯҳу ин даштҳои фарох
Ҳама аз дари боғу майдону[1] кох.

Пур аз гову нахчиру оби[2] равон,
Зи дидан ҳаме тоза[3] гардад равон.

Намонем, к-ин бум[4] вайрон кунанд,[5]
Ҳамон ғорати[6] шаҳри Эрон кунанд.[7]

Зи шоҳиву аз рою фарзонагӣ
Нашояд чунин ҳам зи мардонагӣ.[8]

Нахонанд бар мо касе[9] офарин,
Чу вайрон бувад рӯи Эронзамин».

Ба дастур фармуд, к-аз Ҳинду Рум,
Куҷо ном бошад ба[10] обод бум,

Зи ҳар кишваре мардуме жарфбин,
Ки устод ёбӣ бад-ин,[11] баргузин.

Яке бора аз об баркаш баланд,
Бунаш паҳну болои ӯ даҳ каманд.

Ба сангу ба гаҷ бояд аз жарфи[12] об
Бароварда то чашмаи офтоб.

Ҳамоно к-аз ин гуна созем[13] банд,
Зи душман[14] ба Эрон наёяд газанд.

Набояд, ки бошад касе з-ин ба ранҷ,
Бидеҳ, ҳар чи хоҳанду букшой ганҷ.

---

1. Л-айвону
2. И-обу нахчиру рӯди
3. И-хира.
4. Л-кас бум
5. Л-кунад,
6. Л-ғорат аз
7. Л-кунад.
8. Л-девонагӣ.
9. И-гурдон маро
10. И-донӣ аз
11. И- донӣ бар ин,
12. ИЛ-қаъри
13. И-Ҳамон то ки созем з-ин гуна
14. И- Тӯрон

www.sattor.com

Кашоварзу[1] деҳқону марди нажод
Набояд, ки озор ёбад зи бод.

Яке пирмӯбад[2] бад-он кор кард,
Биёбон ҳама пеш девор кард.

Даре барниҳоданд аз оҳан бузург,
Рама яксар эмин шуд аз ранҷи[3] гург.

Ҳама рӯи кишвар нигаҳбон нишонд,
Чу эмин шуд, аз дашт лашкар биронд.

САЗО ДОДАНИ КИСРО АЛОНОН ВА БАЛУҶИЁН ВА ГЕЛОНИЁНРО

Зи дарё ба роҳи Алонон кашид,
Яке марзи вайрони бекор дид.

Ба озодагон гуфт: «Нанг аст аз ин,
Ки вайрон бувад рӯи Эронзамин.

Набояд, ки бошем ҳамдостон,
Ки душман занад з-ин нишон достон».

Зи лашкар фиристодае[4] баргузид,
Сухангӯву доно чунон чун сазид.

Бад-ӯ гуфт: «Шабгир аз эдар бипӯй,
Бад-ин марзбонону лашкар бигӯй.

Шунидам зи гуфтори корогаҳон
Сухан чанд[5] рафт[6] ошкору ниҳон,

Ки гуфтед моро зи Кисро чӣ бок,
Чи Эрон бари мо, чи як мушт хок.

Кунун мо ба назди шумо омадем,
Саропардаву гоҳу хайма задем.

1. ИЛ-Кашоварз,
2. И-пири доно
3. ИЛ-бими
4. И-гаронмояе
5. Л-ҳарчи
6. И-ҳарчи ҳаст

www.sattor.com

Биёбон фарох асту кӯҳаш баланд,
Сипоҳ аз дари тиру гурзу каманд.[1]

Дару ғор ҷойи камини шумост,
Бару бум, кӯҳу замини шумост.

Ҳаме[2] ҷангҷӯёни бегонаем,
Сипоҳу сипаҳбад на з-ин хонаем».

Фиристода омад, бигуфт ин сухун,
Ки солори Эрон чӣ афканд бун.[3]

Сипоҳи алонӣ шуданд анҷуман,
Бузургону фарзонаву ройзан.

Сипоҳе ки-шон тохтан пеша буд,
В-аз озодмардӣ кам андеша буд,

В-аз эшон будӣ марзи[4] Эрон ба бим,
Намондӣ ба кас ҷомаву зарру сим.

Зану мард бо кӯдаку чорпой,
Ба ҳомун расидӣ, намондӣ ба ҷой.

Фиристода пайғоми шоҳи ҷаҳон
Бад-эшон бигуфт ошкору ниҳон.

Рухи номдорон аз он тира гашт,
Дил аз гуфти Нӯшинравон хира гашт.

Бузургони эшону[5] кундоварон,
Бирафтанд бо сову божи гарон.[6]

Ҳамон[7] бардаву ҷомаву симу зар,
Гаронмоя аспони бисёрмар,

В-аз эшон ҳар он кас, ки пирон буданд,
Сухангӯву донишпазирон буданд,

1. Л-б. 333 нест.
2. И-Ки мо
3. Л-б. 336 нест.
4. Л-шаҳри
5. И-он марзу
6. И- наздики шоҳу сарон.
7. И-Або

www.sattor.com

Ҳама пеши Нӯшинравон омаданд,
Зи кори гузашта навон омаданд.[1]

Хирад чун бувад бо диловар ба роз,
Ба шарму ба пӯзиш наёяд ниёз.

Чу пеши саропардаи шаҳрёр,
Расиданд бо ҳадяву бо нисор,

Хурӯшону ғалтон ба хок-андарун,
Ҳама дида пур з-обу дил пур зи хун.[2]

Бар эшон бубахшуд бедор шоҳ,
Бубахшид яксар гузашта гуноҳ.

Бифармуд, к-«Ин ҳар чӣ вайрон шудаст,
Куноми палангону шерон шудаст,

Яке шорсоне[3] бароранд зуд,
Бад-ӯ андарун ҷои кишту дуруд.

Яке борае гирдаш-андар баланд,
Бад-он, то зи душман наёяд[4] газанд».

Бигуфтанд бо номвар шаҳрёр,
Ки «Мо бандагонем богӯшвор,

Барорем аз ин сон, ки фармуд шоҳ,
Яке бораву номвар ҷойгоҳ».

В-аз он ҷойгаҳ шоҳ лашкар биронд,
Ба Ҳиндустон рафту чандон[5] бимонд.

Ба фармон ҳама пеши ӯ омаданд,
Ба ҷон ҳар касе чораҷӯ омаданд.

Зи дарёи Ҳиндустон то ду мил
Дирам буд бо ҳадяву аспу пил.[6]

---

1. И-б. 345, 346 нест.
2. И-349 нест.
3. Л-шорстоне
4. Л-набошад зи душман
5. ИЛ-чанде
6. И-б. 357, 358 нест.

www.sattor.com

Бузургон ҳама пеши[1] шоҳ омаданд,
Зидудадилу некхоҳ омаданд.

Бипурсид Кисрову бинвохтшон,
Бар андоза-бар пойгаҳ сохтшон.

Диле шод баргашт аз он ҷойгоҳ,
Ҷаҳон шуд пур аз аспу пилу сипоҳ.[2]

Ҳаме рафту[3] огоҳӣ омад ба шоҳ,
Ки гашт аз балуҷӣ ҷаҳоне табоҳ.[4]

Зи бас куштану ғорату тохтан,
Заминро ба об-андар андохтан.

Ба Гелон табоҳӣ фузун аст аз ин,
Зи нафрин пароканда гашт офарин.

Дили шоҳ Нӯшинравон шуд ғамӣ,
Баромехт андӯҳ бо хуррамӣ.

Ба эрониён гуфт: «Алонону Ҳинд
Шуд аз бими шамшери мо чун паринд.

Басанда набошем бо шаҳри хеш,
Ҳаме шер ҷӯем печон зи меш».

Бад-ӯ гуфт гӯянда, к-«Эй шаҳрёр,
Ба полиз гул нест бе ранҷи хор.

Ҳамон марз, то буд, бо ранҷ буд,
Зи баҳри парокандани ганҷ буд.

Зи кори балуҷ арҷманд Ардашер
Бикӯшид бо кордонони пир.

Набуд[5] судмандӣ зи афсуну ранг,
На аз банду ранҷу на пайкору ҷанг.

1. И-наздики
2. И-б. 361 нест.
3. И-В-аз он пас чу
4. И- сиёҳ.
5. И-Варо

www.sattor.com

Агарчанд буд он сухан ногузир,
Бипӯшид бар хештан[1] Ардашер,

Зи гуфтори деҳқон барошуфт шоҳ,
Ба сӯи балуҷ андаромад зи роҳ.

Чу омад ба наздики он барзкӯҳ,
Бигардид гирд-андараш бо гурӯҳ.

Бар он гуна[2] гирд андаромад сипоҳ,
Ки бастанд аз анбӯҳ бар бод[3] роҳ.

Ҳама домани кӯҳ то рӯи шах
Сипаҳ буд бар сони мӯру малах.

Мунодигаре гирди лашкар бигашт,
Хурӯше баромад зи кӯҳу зи[4] дашт,

Ки «Аз кӯчиён ҳар ки ёбед х(в)ард[5]
В-агар теғдорону мардони мард,[6]

В-агар анҷуман бошад ар андаке,
Набояд, ки ёбад раҳоӣ яке».

Чу огоҳ шуд лашкар аз хашми шоҳ,
Савору пиёда бубастанд роҳ.

Аз эшон фаровону андак намонд,
Зану марди ҷангию кӯдак намонд.

Саросар ба шамшер бугзоштанд,
Ситам кардани кӯч бардоштанд.

Бибуд эмин аз ранҷи эшон ҷаҳон,
Балуҷе намонд ошкору ниҳон,

Чунон шуд, ки бар кӯҳи эшон гала
Будӣ бенигаҳбону карда яла.

1. И-чашму дил
2. Л-Бад-он кӯҳ
3. Л-бар мору бар мӯр; И-бар боду бар пашша
4. Л-Хурӯш омад аз ғору ҳомуну
5. Л-Ҳар чӣ бошанд мард,
6. Л-гурди набард,

www.sattor.com

Шубон худ[1] набудӣ паси гӯспанд
Ба ҳомуну бар теғи кӯҳи баланд.

Ҳама ранҷҳо хор бугзоштанд,
Дару кӯҳро хона пиндоштанд.

В-аз он ҷойгаҳ сӯи Гелон кашид,
Чу ранҷ омад аз Гелу Дайлам падид.

Зи дарё сипаҳ буд то теғи кӯҳ,
Ҳаво пурдирафшу[2] замин пургурӯҳ.

Чунин гуфт, к-«Эдар зи хурду бузург
Набояд, ки монад пайи шеру гург!»

Пароканд[3] бар гирди Гелон сипоҳ,
Бишуд[4] равшаноӣ зи хуршеду моҳ.

Чунон шуд зи куштан ҳама буму руст,
Ки аз хун ҳама рӯи кишвар бишуст.

Зи бас куштану ғорату сӯхтан
Хурӯш омаду[5] нолаи марду зан.[6]

Бубастанд яксар ҳама дасти хеш,
Занон аз пасу кӯдаки хурд пеш.

Зи Гелон ҳар он кас, ки ҷангӣ буданд,
Ҳашивору борою сангӣ буданд,

Хурӯшон бари шаҳрёр омаданд,
Даридабару хоксор омаданд.

Шуданд андар он боргоҳ анҷуман,
Ҳама дастҳо баставу хаста тан,

Ки «Мо бозгаштем аз он бадкуниш,
Магар шоҳ гардад зи нохуш маниш.

1. Л-Шубоне
2. И-хурӯшу
3. Л-Пароканда
4. Л-Ки шуд
5. И-омад аз
6. ТПЗ – Зи кушта ба ҳар сӯ яке тӯда буд,
Гиёҳо ба мағзи сар олуда буд.

www.sattor.com

В-агар шоҳро дил зи Гелон бихаст,
Бибуррем сарҳо зи танҳо ба даст.

Дили шоҳ хушнуд гардад магар
Чу бинад бурида яке тӯда[1] сар».

Чу чандон хурӯш омад аз боргоҳ,
В-аз он гуна овоз бишнид шоҳ.

Бар эшон бубахшид[2] шоҳи ҷаҳон,
Гузашта шуд андар дили ӯ ниҳон.

Наво хост аз Гилу Дайлам дусад,
К-аз он пас нагирад касе роҳи бад.

Яке паҳлавон назди эшон бимонд,
Чу боиста шуд кор, лашкар биронд.

ФАРЁД ХОСТАНИ МУНЗАРИ ТОЗӢ АЗ БЕДОД КАРДАНИ ҚАЙСАРИ РУМ

Зи Гелон ба роҳи Мадоин кашид,
Шумору канори сипаҳро надид.

Ба раҳ-бар яке лашкари бекарон
Падид омад аз дур найзаварон.

Саворе биёмад ба кирдори гард,
К-аз ин лашкари гашн буд поймард.

Пиёда шуд аз аспу букшод лаб,
Чунин гуфт, к-«ин Мунзар аст аз араб».

Чу Мунзар биёмад ба наздики шоҳ,
Ҳама меҳтарон баркушоданд роҳ.

Бипурсид аз ӯ шоҳу шодӣ намуд,
Зи дидори ӯ равшаноӣ фузуд.

Ҷаҳондида Мунзар забон баркушод,
Зи Руму зи Қайсар сухан кард[3] ёд.

1. И- зи танҳо ҷудо карда
2. И-Бад-эшон бубахшуд; Л-бубахшуд
3. Л-ҳаме кард

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт: «Гар[1] шоҳи Эрон туӣ,
Нигаҳдору пушти[2] далерон туӣ,[3]

Чаро румиён шаҳрёрӣ кунанд,
Ба дашти саворон саворӣ кунанд?!

Агар шоҳ бар тахт Қайсар бувад,
Сазад, гар сарафроз бесар бувад.

Чу дастур бошад гаронмоя шоҳ,
Набинад чу мо низ фарёдхоҳ.

Саворони даштӣ чу румисавор[4]
Биёбанд[5], ҷавшан наёяд[6] ба кор».

Зи гуфтори Мунзар барошуфт шоҳ,
Ки Қайсар ҳаме[7] барфарозад кулоҳ.

Зи лашкар забоноваре[8] баргузид,
Ки гуфтори Кисро[9] бидонад[10] шунид.

Бад-ӯ гуфт: «Аз эдар бирав то ба Рум,
Маёсой ҳеҷ андар обод[11] бум.

Ба Қайсар бигӯй, ар надорӣ хирад,
Зи ройи ту мағзи ту кайфар барад.

Агар шери ҷангӣ битозад ба гӯр,
Кабобаш кунад шеру ҳам оби шӯр.

Зи Мунзар ту гар дод ёбӣ, бас аст,
Ки ӯро нишаст аз бари каргас[12] аст,

1. Л-чун
2. Нигаҳдори дашти
3. И-б. 410, 411 нест.
4. Л-румӣ чу даштисавор.
5. Л-Биёянду
6. Л-наёяд
7. И-чаро
8. И-фиристодае
9. И- Қайсар
10. Л-Қайсар тавонад
11. И-ободу
12. Л-Ҳар кас

www.sattor.com

Чапи хеш пайдо кун аз дасти рост,
Чу пайдо кунӣ,[1] марз ҷӯӣ равост.

Чу бахшандаи буму кишвар манам,
Ба гетӣ сарафрозу меҳтар манам.

Ҳаме он кунам кор, к-аз ман сазад,
Намонам, ки боде бар ӯ барвазад.

Чу бо тозиён даст ёзӣ ба кин,[2]
Яке дар ниҳон хештанро бубин.[3]

Ва дигар, ки он подшоҳӣ марост,
Дари гов то бурҷи моҳӣ марост.

Агар ман сипоҳе фиристам ба Рум,
Туро теғи пӯлод гардад чу мум».

Фиристода аз пеши Нӯшинравон[4]
Биёмад ба кирдори боди дамон.[5]

Бари Қайсар омад, паёмаш бидод,
Бупечид бемоя Қайсар зи дод.

Надод эч посух варо ҷуз фиреб,
Ҳаме дур дид аз баландӣ нишеб.

Чунин гуфт, к-«Аз Мунзари камхирад
Сухан бовар он кун, ки андархӯрад.

Агар хира Мунзар бинолад ҳаме,
Бар ин гуна ранҷиш биболад ҳаме,

Гар эдун, ки аз дашти найзаварон
Бинолад[6] касе аз карон то карон,

Замин он ки болост, паҳно кунам,
В-аз[7] он дашти беоб дарё кунам».

1. И-Аз он пас агар
2. Л-хун,
3. Л-хештанро ту танҳо кунун.
4. И- Нӯширвон
5. И-Давон; Л-оби равон.
6. И-Биҷунбад
7. Л-Бар

www.sattor.com

Фиристода бишниду омад чу гард,[1]
Шунида суханҳо ҳама ёд кард.[2]

Барошуфт Кисро, ба дастур гуфт,
Ки «бо мағзи Қайсар хирад нест ҷуфт.

Ман ӯро намоям, ки фармон кирост,
Ҷаҳон ҷустану ҷангу паймон кирост!

Зи бешиву[3] он гардад афрохтан,
В-аз он куштану[4] ғорату тохтан

Пушаймонӣ афзун хӯрад, з-он ки маст
Ба шаб зери оташ кунад ҳар ду даст».

Бифармуд, то баркашиданд пой,
Сипоҳ андаромад ба[5] ҳар сӯ зи[6] ҷой.

Зи даргоҳ бархост овои кӯс,
Замин қиргун гашту кӯҳ[7] обнӯс.

Гузин кард аз он лашкари номдор,
Саворони шамшерзан сӣ[8] ҳазор.

Ба Мунзар супурд он сипоҳи гарон,
Бифармуд, к-аз дашти найзаварон

Сипоҳе бар аз ҷангҷӯён ба Рум,
Ки оташ баророанд аз он марзу бум,

Ки ҳарчанд ман шаҳрёри туам,
Бад-ин гуна-бар моядори туам.

Зи Руму зи румӣ мадор эч бок,
Чи румӣ бари ман, чи як мушт хок[9]

---

1. И-бод,
2. И-Суханҳои Қайсар ҳама кард ёд.
3. ИЛ-аз
4. ИЛ-ин кӯшишу
5. ИЛ-зи
6. ИЛ-ба
7. ИЛ-шуд, ҳаво
8. Л-сад
9. И-б. 445, 446 нест; Л-б. 440 нест.

www.sattor.com

Фиристодае[1] мо кунун чарбгӯй
Фиристем бо нома[2] наздики ӯй,

Магар худ биёяд-т з-ин пас газанд,
Ба Қайсар бувад Рум моро писанд.

НОМА ФИРИСТОДАНИ НӮШИНРАВОН НАЗДИКИ ҚАЙСАРИ РУМ ВА ПОСУХИ Ӯ

Нависандае[3] хост аз боргоҳ,
Ба Қайсар яке нома фармуд шоҳ.

Зи Нӯшинравон шоҳи фаррухнажод,
Ҷаҳонгиру[4] зиндакуни Кайқубод

Ба наздики Қайсар сарафрози Рум,
Нигаҳбони он марзи ободбум

Сари нома кард офарин аз нахуст,
Гаронмоягӣ ҷуз ба Яздон наҷуст.

Худованди гарданда хуршеду моҳ,
Худованди[5] пирӯзиву дастгоҳ,

Ки берун шуд аз ройи гардонсипеҳр,
Агар ҷанг ҷӯяд, агар доду меҳр.

Ту гар Қайсари Румро меҳтарӣ,
Макун ҳеҷ[6] бо тозиён доварӣ.

В-агар меш ҷӯӣ зи чанголи гург,
Ту донӣ, к-аз ӯ ранҷ бинӣ бузург.

В-агар сӯи Мунзар фиристӣ сипоҳ,
Намонам ба ту лашкару ганҷу[7] гоҳ.

1. ИЛ-Фиристодаеро
2. Л-Аз Эрон фиристем
3. И-Набисандае
4. Л-Ҷаҳонгири
5. ИЛ-К-аз ӯяст
6. Л-беш; И-низ
7. Л-тоҷу

www.sattor.com

Агар зердасте бувад[1] пурманиш,
Ба шамшер ёбад зи мо сарзаниш.

Ту з-он марз як раш мапаймой пой,
Чу хоҳӣ, ки паймон бимонад ба ҷой.[2]

В-агар бугзарӣ э-ин сухан, бугзарам,
Сару гоҳи ту зери пай биспарам.

Дуруди Худованди дайҳиму зӯр
Бад-он ки наҷӯяд ба бедод шӯр.

Ниҳоданд бар нома-бар мӯҳри шоҳ,
Саворе гузиданд аз он боргоҳ.

Чунон чун бибоист чиразабон,
Ҷаҳондидаву[3] гурду равшанравон.

РАСИДАНИ НОМАИ НӮШИНРАВОН НАЗДИ ҚАЙСАР ВА ФИРИСТОДАНИ ҚАЙСАР ПОСУХИ ОН

Фиристода бо номаи шаҳрёр[4]
Биёмад бари Қайсари номдор.[5]

Бар ӯ офарин карду нома бидод,
Ҳама ройи Кисро бад-ӯ[6] кард ёд.

Суханҳош[7] бишниду нома бихонд,
Бупечиду андар шигифтӣ бимонд.

Зи гуфтори Кисро сарафроз мард
Бурӯ пур зи чин карду рухсора зард.

Нависандаро[8] хонду[9] посух набишт,[10]
Падидор кард андар ӯ хубу зишт.

1. Л-шавад
2. Л-бимонад бачой.
3. Л-Ҷаҳондидае
4. И-Фиристода бо номаи номдор
5. И-шаҳриёр.
6. И-Суханҳои Кисро бар ӯ
7. И- Суханҳо чу.
8. И-Нависандаро
9. Л-Нависандае хосту
10. Л-навишт.

www.sattor.com

Сари нома чун гашт зангӣ чу[1] қор,
Нахуст офарин кард бар Кирдгор.

Нигорандаи баркашидасипеҳр,
К-аз ӯяст пархошу орому меҳр,

Ба гетӣ якеро кунад тоҷвар,
В-аз ӯ беҳ яке пеши ӯ бо камар.

Агар худ сипеҳри равон зери туст,
Сари муштарӣ зери шамшери туст,

Ба девон нигаҳ кун, ки руминажод
Ба тухми каён бож ҳаргиз надод.

Ту гар шаҳрёрӣ, на ман кеҳтарам,
Ҳамон босару афсару лашкарам.

Чӣ боист пазруфт чандин фусӯс
Зи бими пайи пилу овои кӯс.

Бихоҳам кунун аз шумо божу сов,
Кӣ дорад ба пархош бо Рум тов?

Сикандар шунидӣ, ба Эрон чӣ кард,
Зи мо буд он шоҳи озодмард.

Нуҳуфта нашуд теғи искандарӣ,
Чӣ созӣ ба мо-бар чунин доварӣ?[2]

Ба тороҷ бурданд якчанд чиз,
Кунун[3] он ситам барнагирем низ.

Зи дашти саворони найзаварон,
Барорем гард аз карон то карон.

На хуршед Нӯшинравон[4] офарид,
В-агар бистад аз чархи гардон калид,

1. И-мушкин зи; Л-зи
2. И-б. 477, 478 нест.
3. Л-Гузашт
4. И-Нӯширвон

www.sattor.com

Ки касро нахонад меҳе аз меҳон,
Ҳама коми худ ёбад ӯ дар ҷаҳон.

Фиристодаро ҳеҷ посух надод,
Зи тундӣ[1] зи Кисро наёмад-ш ёд.

Чу мӯҳр аз бари мушк[2] бинҳод, гуфт,
Ки «Бо ту Масеҳу салиб аст ҷуфт».

Фиристода бо ӯ назад ҳеҷ дам,
Дижам дид посух, биёмад дижам.

Биёмад бари шоҳи Эрон чу бод,[3]
Суханҳои Қайсар ҳаме кард ёд.[4]

ЛАШКАР КАШИДАНИ НӮШИНРАВОН БА ҶАНГИ ҚАЙСАРИ РУМ

Чу бархонд он номаро шаҳрёр,
Барошуфт бо гардиши рӯзгор.

Ҳама мӯбадону радонро бихонд,
В-аз он нома чанде суханҳо биронд,

Се рӯз андар он буд бо ройзан,
Чи бо паҳлавонони лашкаршикан.

Чаҳорум бар он рост шуд ройи шоҳ,
Ки ронад сӯи ҷанги Қайсар сипоҳ.

Баромад зи дар нолаи говдум,
Хурӯшидани кӯсу рӯина хум.

Ба оромиш-андар набудаш диранг,
Ҳаме аз пайи ростӣ ҷуст ҷанг.

Сипаҳ баргирифту буна барниҳод,
Зи Яздони некидиҳиш кард ёд.

1. Л-тундии
2. Л-нома
3. ИЛ-гард,
4. ИЛ-ҳама ёд кард

www.sattor.com

Яке гард баршуд, ки гуфтӣ сипеҳр
Ба дарёи қир-андар андуд[1] чеҳр.

Бипӯшид рӯи заминро ба наъл,
Ҳаво[2] яксар аз парниён гашт лаъл,

Набуд бар замин пашшаро ҷойгоҳ,
На андар ҳаво бодро монд роҳ.

Зи ҷӯши саворону аз гарди пил
Замин шуд ба кирдори дарёи Нил,

Ҷаҳондор бо ковиёнӣ дурафш
Ҳаме рафт бо тоҷу заррина кафш,

Ҳаме бар шуд овозашон бар ду мил,
Ба пеши сипоҳ-андарун кӯсу пил.

Паси пушту пеш-андар озодагон
Бишуд тез то Озарободагон.

Чу чашмаш баромад ба[3] Озаргушасп,
Пиёда шуд аз дуру бугзошт[4] асп.

Зи дастури покиза барсам биҷуст,
Ду рухро ба оби ду дида бишуст.

Ба бож[5] андаромад ба оташкада,
Ниҳоданд гоҳе ба[6] зар озада.

Ниҳода бар ӯ номаи Занду Уст,
Ба овоз бархонд мӯбад дуруст.

Раду ҳирбад пеш ғалтон ба хок,
Ҳама домани куртаҳо карда чок.

1. И-овард
2. И-Ҷаҳон
3. И-зи
4. И-ба пеш андару дошт
5. Л-роз
6. Л-курсии

www.sattor.com

Бузургон ҳама гавҳар афшонданд,
Ба замзам ҳама офарин хонданд.[1]

Чу наздиктар шуд, ниёиш гирифт,
Ҷаҳонофаринро ситоиш гирифт.

В-аз ӯ хост пирӯзиву дастгоҳ,
Намудан дилашро сӯи дод роҳ.

Парастандагонро бубахшид чиз,
Ба ҷое, ки дарвеш диданд[2] низ.

Яке хайма зад пеши оташкада,
Кашиданд лашкар зи ҳар сӯ рада.

Дабири хирадмандро пеш хонд,
Суханҳои боиста бо ӯ[3] биронд.

Яке нома фармуд бо офарин
Сӯи марзбонони Эронзамин,

Ки тарсанда бошеду бедор бед,
Ҷаҳонро зи душман нигаҳдор бед.

Кунōранг бо паҳлавон ҳар кӣ ҳаст,
Ҳама дод ҷӯед бо зердаст.[4]

Бидоред, чандон ки бояд, сипоҳ,
Бад-он то наёбад бадандеш роҳ.

Дирафши маро то набинад касе,
Набояд, ки эмин бихуспад басе.

Аз оташкада чун бишуд сӯи Рум,
Пароканда шуд з-ӯ хабар гирди бум.

Ба пеш омад он кас, ки фармон гузид,
Зи гурдон бару бум шуд нопадид.

1. И- Бузургон бар ӯ офарин хонданд,
Ҳама зарру гавҳар барафшонданд.
2. И-буданд
3. Л-чанде
4. И-б. 514 нест.

www.sattor.com

Ҷаҳонҷӯй бо ҳадяву бо нисор
Фаровон баромад бари шаҳрёр.

Ба ҳар буму бар, к-ӯ фуруд омадӣ,
Зи ҳар сӯ паёму дуруд омадӣ.

Зи гетӣ ба ҳар сӯ,[1] ки лашкар кашид,
Ҷуз аз базму нахчир чизе[2] надид.

Чунон буд, ки ҳар шаб зи гурдон ҳазор
Ба базм омаданди бари шаҳрёр.

Чу наздик шуд, размро соз кард,
Сипаҳро дирам додан оғоз кард.

Сипаҳдор Шерӯи Баҳром буд,
Ки дар ҷанг борою ором буд.

Чапи лашкарашро ба Фарҳод[3] дод,
Басе пандҳо бар дилаш кард ёд.[4]

Чу истод Пирӯз бар[5] маймана,
Гушаспи ҷаҳонҷӯй пеши буна.

Ба қалб андаровард Меҳрон ба пой,
Ки бар кинагаҳ доштӣ дил ба ҷой.

Зи лашкар ҷаҳондидагонро бихонд,
Басе панду андарзи некӯ биронд.

Талоя ба Ҳурмузди Харрод дод,
Басе гуфт бо ӯ ба бедоду[6] дод.

Ба ҳар сӯ бирафтанд корогаҳон,
Бад-он то намонад сухан дар ниҳон.

Чунин гуфт, к-«Аз[7] лашкари бекарон,
Зи пурмоягону зи кундоварон,

1. И-Ба ҳар буму шаҳре
2. И-шодӣ
3. И-Баҳром
4. И-Дилашро ба неку бад ором дод.
5. Л-бар зин абар,
6. Л-Равону дилаш бо хирад ёд; И-пандҳо бар дилаш ёд
7. Л-к-ин

www.sattor.com

Агар як тан аз роҳи ман бугзарад,
Дами хеш бе ройи ман бишмарад.

Ба дарвешмардум расонанд[1] ранҷ,
В-агар бар бузургон, ки доранд ганҷ.

В-агар[2] киштманде бикӯбад ба пой,
В-агар пеши лашкар биҷунбад зи ҷой,

Гар оҳанг бар мевадоре кунанд,[3]
В-агар нописандида коре кунанд,[4]

Ба Яздон, ки ӯ дод дайҳиму зӯр,
Худованди кайвону баҳрому ҳур,

Агар на миёншон бибуррам ба теғ,
В-агар чун ситора барояд ба меғ.

Ба пеши сипаҳ бар талоя манам,
Ҷаҳонҷӯву дар қалб моя манам.

Нигаҳбони пилу сипоҳу буна
Гаҳе бар чапам,[5] гоҳ бар маймана.

Ба хушкӣ равам,[6] гар ба дарёи об,
Наҷӯям ба разм- андар орому хоб».[7]

Мунодигаре, номи ӯ Шерзод
Гирифт он суханҳои Кисро ба ёд.

Биёмад дамон, гирди лашкар бигашт,
Ба ҳар хаймаву хиргаҳе баргузашт.

Хурӯшид, к-«Эй бекарона сипоҳ,
Чунин аст фармони бедоршоҳ,

1. Л-расонед
2. И-Агар
3. Л-кунед,
4. Л-кунед; И-б. 535 нест.
5. Л-майсара
6. Л-бувам,
7. И-б. 539, 540 нест.

www.sattor.com

Ки гар[1] ҷуз ба меҳру ба доду хирад
Касе сӯи хоки сияҳ бингарад,[2]

Бар он[3] тирахокаш бирезанд хун,
Чу ояд зи фармони Яздон бурун».

Ба панди мунодӣ нашуд шоҳ ром
Ба рӯзи сапеду шаби тирафом.

Ҳаме гирди лашкар бигаштӣ ба роҳ,
Ҳаме доштӣ неку бадро нигоҳ.

Зи кори ҷаҳон огаҳӣ доштӣ,
Баду некро хор нагзоштӣ.

Зи лашкар касе, к-ӯ бимурдӣ ба роҳ,
Варо дахма кардӣ бад-он ҷойгоҳ.

В-агар бозмондӣ аз ӯ симу зар,
Каманду[4] кулоҳу камону[5] камар,

Баду нек бо мурда будӣ ба хок,
Набудӣ беҳ аз мардум андар мағок.

Ҷаҳоне аз ӯ монда андар шигифт,
Ки Нӯшинравон он бузургӣ гирифт.[6]

Ба ҳар ҷойгоҳе, ки ҷанг омадӣ,
Варо рою ҳушу диранг омадӣ,

Фиристодае хостӣ ростгӯй,
Ки рафтӣ бари душмани ҷораҷӯй.

Агар ёфтандӣ сӯи дод роҳ,
Накардӣ ситам он хирадманд шоҳ.

1. И-мо
2. Л-б. 543, 544 нест.
3. Л-Ки бар
4. Л-Зи ҷома,
5. Л-каманду
6. И-б. 552 нест.

www.sattor.com

В-агар ҷанг ҷустӣ, ба ҷанг омадӣ,
Ба хашми[1] диловар наҳанг[2] омадӣ.

Ба тороҷ додӣ ҳама буму руст,
Ҷаҳонро ба доду ба шамшер ҷуст.

Ба кирдори хуршед шуд[3] ройи шоҳ,
Ки бар тарру хушкӣ битобад ба[4] роҳ.

Надорад зи кас равшаноӣ дареғ,
Чу бугзорад[5] аз чархи гарданда меғ,

Ҳамаш хоку регу ҳамаш рангу бӯй,[6]
Ҳамаш дурри хушшобу ҳам оби ҷӯй.

Фурӯғи баландӣ напӯшад[7] зи кас,
Дилафрӯз, бахшанда[8] ӯясту бас.

Шаҳаншоҳро моя з-ӯ буду[9] фар,
Ҷаҳонро ҳама дошт[10] дар зери пар.

Варо ҷангу бахшиш чу бозӣ будӣ,
Азеро бад-он сарфарозӣ[11] будӣ.

Агар пилу шер омадандиш пеш,
Набардоштӣ ҷанг як рӯз беш.

Сипоҳе, ки бо хӯду ҳафтони[12] ҷанг
Ба пеши сипоҳ омадӣ бедиранг,

Агар кушта будӣ, в-агар баста хор,[13]
Ба зиндони пирӯзгар шаҳрёр.

1. И-чашми
2. И-паланг
3. Л-буд
4. Л-битобид
5. Л-бугрезад
6. Л-хоки тира, ҳамаш хоки кӯй.
7. Л-начӯяд
8. Л-Дилафрӯз рахшанда
9. Л-Шаҳаншоҳ бо доду бо рою
10. Л-ҳаме дошт
11. Л-В-аз эрониён бениёзӣ
12. Л-хафтону
13. Л-агар баста зор,

www.sattor.com

ДИЖҲО ГИРИФТАНИ НӮШИНРАВОН ДАР БУМИ РУМ

Чунин то биёмад бад-он шорсон,
Ки Шӯроб буд номи он корсон.[1]

Баровардае дид сар дар[2] ҳаво,
Пур аз мардуму сози ҷангу наво.

Зи хоро пай афканда дар жарфи[3] об,
Кашида сари бора андар саҳоб.

Ба гирди ҳисор андаромад сипоҳ,
Надиданд ҷое ба даргоҳ роҳ.[4]

Бар ӯ сохт аз чор сӯ манҷаниқ,
Ба пой омад он бораи ҷосалиқ.

Баромад зи ҳар сӯи диж растахез,
Надиданд ҷое гузору гурез.

Чу хуршеди тобон зи гунбад бигашт,
Шуд он бораи диж ба кирдори дашт.

Хурӯши саворону гарди сипоҳ
Ҳаме дуду оташ баромад ба моҳ.

Ҳама ҳисн бетан, сару пой буд,
Тани бесароншон дигар ҷой буд,

Ғави зинҳору[5] хурӯши занон
Баромад зи[6] захми табиразанон.

Аз эшон ҳар он кас, ки пурмоя буд,
Бимурдиву ганҷаш гаронмоя[7] буд,

---

1. ТПЗ – Аз Эрон чу Гуштосп омад ба Рум,
   Гирифт андар он шаҳри Шӯроб бум.
2. Л-бар
3. Л-қаъри
4. Л-даргоҳи шоҳ.
5. Л-Чу зинҳору бонги
6. Л-чу
7. Л-Ба ганҷу ба мардӣ гаронсоя

www.sattor.com

Бубастанду бар пил карданд бор,
Хурӯш омаду нолаи зинҳор.

Набахшуд бар кас ба ҳангоми разм,
На бар ганҷу динор ҳангоми базм.

В-аз он ҷойгаҳ лашкар андаркашид,
Ба раҳ-бар диже дигар омад падид,

Ки дар банди ӯ ганҷи Қайсар будӣ,
Нигаҳбони он диж тавонгар будӣ,

Ки Ороиши Рум буд номи ӯй,
Зи Кисро бад омад ба фарҷоми ӯй,

Бад-он диж нигаҳ кард бедоршоҳ,
Ҳанӯз андарун норасида сипоҳ,

Бифармуд, то тирборон кунанд,
Ҳаво чун тагарги баҳорон кунанд.

Ба мардӣ сарон бораро бистаданд,
Ба шаҳру ба диж оташ андарзаданд.[1]

Яке ҷонвар худ зи[2] лашкар намонд,
Бад-он бум-бар[3] хору ховар намонд,

Ҳама ганҷи Қайсар ба тороҷ дод,
Сипаҳро ҳама бадраву тоҷ дод.

Баровард аз он шорсон растахез,
Ҳама баргирифтанд роҳи гурез.

Хурӯш омад аз кӯдаку марду зан,
Ҳама пиру барно шуданд анҷуман.

Ба пеши гаронмоя шоҳ омаданд,
Ғиревону фарёдхоҳ омаданд,

Ки дастуру ганҷуру ганҷ они туст,
Ба Рум-андарун разму ранҷ они туст.

1. Л-б. 584 нест.
2. Л-тоҷварро ба
3. Л-буму бар

www.sattor.com

Ба ҷон вижа зинҳорхоҳи туем,
Парастори фарри кулоҳи туем.

Бифармуд, то кас накуштанд низ,
Бар эшон бубахшид бисёр чиз.

РАЗМ КАРДАНИ НӮШИНРАВОН БО ФАРФУРИЮСИ РУМӢ ВА ГИРИФТАНИ ҚОЛИНИЮС ВА АНТОКИЯ

В-аз он ҷойгаҳ лашкар андаркашид,
Аз Ороиши Рум бартар кашид.

Кас омад, бигуфт ин, ки Қайсар сипоҳ
Фиристоду инак, ки омад зи роҳ.

Чу бишнид, к-омад сипоҳи гарон,
Ҳама найзадорону ҷавшанварон,

Ба лашкар бигуфт, он чи бишнид шоҳ,
Бад-он то басечида бошад сипоҳ.

Бирафтанд чун кӯҳи оҳан зи ҷой,
Хурӯш омаду нолаи карраной.[1]

Наванде зи гуфтори корогаҳон
Биёмад ба наздики шоҳи ҷаҳон,

Ки Қайсар сипоҳе фиристод пеш,
Аз он номдорону гурдони хеш.

Ба пеш- андарун паҳлавони сутург,[2]
Сипоҳӣ ҳама размҷӯён чу гург.

Саворе сарафроз бо бӯқу кӯс
Ба румиш хонанд Фарфуриюс.

Чу ин гуфта шуд пеши бедор шоҳ,
Падид омад аз дур гарди сипоҳ.

Бихандид аз ӯ шаҳрёри ҷаҳон,
Бад-ӯ гуфт, к-«Ин нест аз мо ниҳон,

1. Л-карраной.
2. Л-бузург,

www.sattor.com

Ки мо пеш аз ин ҷангро сохтем,
Аз андеша ҳаргиз напардохтем».

Кайи тоҷвар бар лаб оварда каф,
Бифармуд, то баркашиданд саф.

Сипоҳе биёмад ба пеши сипоҳ,
Ки шуд танг аз гард бар бод[1] роҳ.

Шуда номвар лашкари анҷуман
Ялони сарафрози шамшерзан.

Ҳама ҷангро танг баста миён,
Бузургону фарзонагону каён.

Ба хун об[2] дода ҳама теғро,
Бад-он теғи бурранда мар[3] меғро.

Сипаҳро набуд бештар з-он диранг,
Ки нахчир гирад зи боло паланг.

Ба ҳар сӯ зи румӣ тале кушта буд,[4]
В-агар хаста аз ҷанг баргашта буд.[5]

Бишуд хаста аз ҷанг[6] Фарфуриюс,
Дарида дирафшу нагунсор кӯс.

Саворони Эрон ба сони паланг
Чунон ҳам ҳаме рафт бо сози ҷанг,

Паси румиён-дар ҳаме тохтанд,
Дару дашт аз эшон бипардохтанд.

Чунон ҳам ҳаме рафт бо сози ҷанг
Ҳама найзаву гурзу ханҷар ба чанг.

Сипаҳро ба ҳомуне андаркашид,
Баровардае дид, к-омад[7] падид.

---

1. Л-барбаст бар боду бар гард
2. Л-хуноб
3. Л-буррандае
4. Л-шуд.
5. Л-шуд,
6. Л-Ҳазимат сипаҳ, хаста
7. Л-дигар омад

www.sattor.com

Диже буд бо лашкару бӯқу кӯс,
Кучо хондандиш Қолиниюс.

Сари бора бартар зи парри[1] уқоб,
Яке кандае карда гирдаш[2] пуроб.

Яке шорсон гирдаш-андар фарох,
Ба айвону майдони полезу кох.

Зи румӣ сипоҳи бузург андар ӯй,
Ҳама номдорони пархошҷӯй.

Ду фарсанг пеш-андарун буд шоҳ,
Сияҳ гашта гетӣ зи гарди сипоҳ.

Зи дарвозаҳо ҷанг барсохтанд,
Ҳаме тиру қорура андохтанд.

Бад-он шорсон-дар нигаҳ кард шоҳ,
Ҳаме ҳар замоне[3] фузун шуд сипоҳ.

Хурӯше баромад зи Қолиниюс,
К-аз[4] он наъра андак шуд овози[5] кӯс.

Чу хуршеди тобанда баргашт зард,
Зи гарданда як нима шуд ложвард.

Аз он бораи диж намонд андаке,
Ҳама шорсон бо замин шуд яке.

Хурӯше баромад зи даргоҳи шоҳ,
Ки «Эй номдорони эронсипоҳ,

Ҳама пок аз ин шаҳр берун шавед,
Ба торикӣ-андар ба ҳомун шавед.

Агар ҳеҷ бонги зану марди пир,
В-агар ғорату куштану[6] дору гир,

1. Л-бораи ӯ надидӣ
2. Л-гирдаш андар
3. Л-замон худ.
4. Л-Аз
5. Л-овои
6. Л-шӯришу

www.sattor.com

Ба гӯши ман ояд ба торикшаб,
Ки букшояд аз ранҷ як тан ду лаб,

Ҳам андар замон он ки фарёд аз ӯст,
Пур аз коҳ бинедаш[1] оганда пӯст».

Чу барзад зи харчанг теғ офтоб,
Бифарсуд жангу биполуд хоб.

Табира баромад зи даргоҳи шоҳ,
Гаронмоягон баргирифтанд роҳ.

Аз он диж в-аз он шорсон марду зан
Ба даргоҳи Кисро шуданд анҷуман,

Ки эдар зи ҷангӣ саворе намонд,
Бад-ин шорсон номдоре намонд.

Ҳама хаставу кушта шуд бегуноҳ,
Гаҳ омад, ки бахшоиш ояд зи шоҳ.

Зану кӯдаки хурд бо марди пир
На хуб ояд аз дод бурдан асир.

Чунон шуд дижу бораи шорсон,
К-аз ин худ набинӣ ҷуз аз хорсон.

Чу Қайсар гунаҳгор шуд, мо кием,
Ба Қолиниюс-андарун бар чием?

Бар он румиён-бар бубахшуд шоҳ,
Гунаҳгор шуд раста бо бегуноҳ.

Басе хоста пеши эшон бимонд,
В-аз он ҷойгаҳ тез[2] лашкар биронд.

Ҳар он кас, ки дид аз дари корзор,
Бубастанду бар пил[3] карданд бор,

Аз Антокия-дар хабар шуд зи шоҳ,
Ки бо пилу лашкар баромад зи роҳ.

1. Л-биниш
2. Л-низ
3. Л-Бубустанд бар пилу

www.sattor.com

Сипоҳе дар ин шаҳр буд бекарон,
Далерони румиву кундоварон,

Се рӯз андар он шоҳро шуд диранг,
Бад-он то набошад ба бедод[1] ҷанг.

Чаҳорум сипоҳ андаромад зи[2] кӯҳ,
Далерони Эрон гурӯҳогурӯҳ.

Бирафтанд яксар саворони Рум
Зи баҳри зану кӯдаку ганҷу бум.

Се ҷанги гарон карда шуд дар ду рӯз,
Се дигар[3] чу бифрӯхт гетифурӯз,

Кушода шуд он марзи ободбум,
Саворе надиданд ҷангӣ зи Рум.

Ба шаҳр андаромад саросар сипоҳ,
Паеро[4] набуд бар замин низ[5] роҳ.

Бузургон, ки бо тахту афсар буданд,
Ҳам он кас, ки ганҷури Қайсар буданд,

Ба шоҳи ҷаҳондор доданд ганҷ,
Ба ҷанг омадаш ганҷ, чун дид[6] ранҷ.

В-аз эшон ҳар он кас, ки ҷангӣ буданд,
Ниҳоданд бар пушти пилон баланд.[7]

Асирону он ганҷи Қайсар зи роҳ
Ба сӯи Мадоин фиристод шоҳ.

---

1. Л-падидор
2. Л-чу
3. Л-Чаҳорум
4. Л-Касеро
5. Л-ҳеҷ
6. Л-нодида
7. Л-Ба пеши саф- андар дирангӣ буданд; Л-Пас аз б. 654 ин б. омада:
   Абар пушти пилон-ш бар ҷой кард,
   Ҳама меҳтарон банд бар пой кард.

www.sattor.com

ОБОД КАРДАНИ НӮШИНРАВОН ШАҲР БА МОНАНДИ АНТОКИЯ ВА НИШОНДАН ДАР ИН АСИРОНИ РУМИРО

Бигардид бар гирди он шаҳр шоҳ,
Замин дид рахшонтар аз чархи[1] моҳ.

Зи боғу зи[2] майдону оби равон
Ҳаме тоза шуд пиргашта ҷавон.

Чунин гуфт бо мӯбадон шаҳрёр,
Ки «Антокия-ст ин в-агар[3] навбаҳор?

Касе, к-ӯ надидаст хуррамбиҳишт,
Зи мушкаш ҳама хоку заррина[4] ҳишт.

Дарахтон[5] зи ёқуту обаш[6] гулоб,
Заминаш сипеҳр, осмон офтоб,

Нигаҳ кард, бояд бад-ин тозабум,
Ки обод бодо ҳама буми Рум».

Яке шаҳр фармуд Нӯшинравон,
Бад-ӯ[7]- андарун обҳои равон.

Ба кирдори Антокия чун чароғ
Пур аз гулшану коху майдону боғ.

Бузургони равшандилу[8] шодком
Варо Зеби Хусрав ниҳоданд ном,

Чи шуд Зеби Хусрав чу хуррамбаҳор,
Биҳиште пур аз рангу бӯю нигор,

Асирон, к-аз он шаҳрҳо баста буд,
Ба банди гарон буд, ё хаста буд,

---

1. Л-чарху
2. Л-Басе боғу
3. Л-агар
4. Л-мушк андар ӯ хоку аз зар-ш
5. Л-Дарахташ
6. Л-бораш
7. Л-Бад-ӯй
8. Л-равшандили

www.sattor.com

Бифармуд, то банд бардоштанд,
Бад-ин шаҳри нав шод бугзоштанд.

Чунин гуфт, к-«Ин нав баровардa ҷой,
Ҳаме[1] гулшану бӯстону сарой

Бигардем, то ҳар касеро ба ком,
Яке ҷой бошад сазовори ном».[2]

Бубахшид бар ҳар касе хоста,
Замин чун биҳиште шуд ороста.

Зи бас барзану кӯю бозоргоҳ,
Ту гуфтӣ, намондаст бар бод роҳ.

Биёмад яке пурсухан кафшгар,
Чунин гуфт, к-«Эй шоҳи бедодгар,

Ба Қолиниюс андарун хони ман,
Яке туд буд пеши болони ман.

Аз ин Зеби Хусрав маро суд нест,
Ки бар пеши даргоҳи[3] ман туд нест».

Бифармуд то бар дари шӯрбахт
Бикиштанд шодоб чанде дарахт.

Яке марди тарсо гузин кард шоҳ,
Бад-ӯ дод фармону ганҷу сипоҳ.

Бад-ӯ гуфт, к-ин Зеби Хусрав туроcт,
Ғарибону ин хонаи нав туроcт.

Ба сони дарахти барӯманд бош,
Падар бош, гоҳе чу[4] фарзанд бош.

Ба бахшиш биёрою зуфтӣ макун,
Ба андоза бояд ба[5] ҳар дар сахун».

1. Л-Ҳама
2. И-б. 557-669 нест аз байни саҳ 785, 786 як варақ афтода.
3. Л-пеши дари кохи
4. И-гаҳ, гоҳ
5. ИЛ-зи

www.sattor.com

В-аз Антокия шоҳ лашкар биронд,
Ҷаҳондида тарсо нигаҳбон бимонд.

ОШТӢ ҶУСТАНИ ҚАЙСАРИ РУМ АЗ НӮШИНРАВОН

Пас огоҳӣ овард Фарфуриюс,
Бигуфт, он чи омад ба Қолиниюс,

Ба Қайсар чунин гуфт,[1] к-«Омад сипоҳ,
Ҷаҳондида[2] Кисрову пилону гоҳ.

Сипоҳ аст чандон, ки дарёву кӯҳ
Ҳаме гардад аз гарди эшон[3] сутӯҳ».

Бупечид Қайсар зи гуфтори хеш,
Бузургони фарзонаро хонд пеш.

Зи Нӯшинравон шуд дилаш пурҳарос,
Ҳаме рой зад рӯзу шаб дар се пос.

Бад-ӯ гуфт мӯбад, ки «Ин рой нест,
Ки бо разми[4] Кисро туро пой нест.

Бароранд аз ин марзи обод хок,
Шавад гирдаи қайсарон дар мағок.

Забони сароядаву ройи суст,
Ба ҷуз ранҷи ин подшоҳӣ наҷуст».

ПАЙҒОМИ ҚАЙСАР НАЗДИ НӮШИРВОН БО БОЖУ СОВ

Чу бишнид Қайсар, дилаш хира гашт,
Зи Нӯшиправон[5] ройи ӯ тира гашт.

1. И-бигуфто
2. Л-Ҷаҳондор; И-Ҷаҳонҷӯй
3. Л-аспон
4. Л-ҷанги
5. Л –Нӯшинравон

www.sattor.com

Гузин кард аз он файласуфони Рум,[1]
Сухангӯю бодонишу покбум.[2]

Ба ҷой омад аз мӯбадон шаст мард,
Зидуда равону хирадро зи гард.

Паямбар[3] фиристод наздики шоҳ,
Гаронмоягон баргирифтанд роҳ.

Чу Меҳроси донанда шуд[4] пешрав,
Гаве дар хирад пиру дар сол нав.

Зи ҳар чиз ганҷе ба пеш-андарун,
Шумораш гузар кард бар[5] чанду чун.

Басе лобаву панду некӯ сухан,
Пушаймон зи гуфторҳои[6] куҳан.

Фиристод бо сову божи[7] гарон,
Гаравгон зи хешону кундоварон.[8]

Чу Меҳрос наздики[9] Кисро расид,
Ба румӣ яке[10] офарин густарид.

Ту гуфтӣ, ки аз тезиву ростӣ,
Ситора барорад ҳаме з-остӣ.[11]

Ба Кисро чунин гуфт, к-«Эй шаҳрёр,[12]
Ҷаҳонро бад-ин арҷмандӣ мадор,

---

1. И-марзи ободбум,
2. И-Ҳар он кас, ки донандае буд ба Рум.
3. ИЛ –Паёме
4. ИЛ-донандашон
5. И-аз
6. И-кирдорҳои
7. Л-бас божу сови
8. ТПИЛМ - Чу Меҳрос гуфтори* Қайсар шунид,
Падид омад он банди бадро калид.
Расиданд** наздики Нӯшинравон***
Чу алмос карда забону**** равон*****
*И-пағвоми. ** И-Биёмад ба **** И-Нӯширвон, ****И-забони ***** Л-Танҳо байти дуюм мавҷуд аст.
9. И-наздикии тахти
10. И-румизабон
11. Л-б. 698 нест.
12. И-номдор,

www.sattor.com

Ба румӣ ту акнуну Эрон тиҳист
Ҳама марз беарзу бефарраҳист.

Ҳар он гаҳ ки Қайсар набошад ба Рум,
Насанҷад ба як пашша ин марзу бум.

Ҳама судмандӣ зи мардум бувад,
Чу ӯ гум шавад, некуӣ[1] гум бувад.

Гар ин растахез аз пайи хостаст,
Ки озарму дониш бар ӯ[2] костаст,

Биёвардам инак[3] ҳама ганҷи Рум,
Ки равшанравон беҳтар аз ганҷу бум».

Чу бишнид аз ӯ ин сухан шаҳрёр,
Дилаш гашт хуррам чу боғи баҳор.

Бипазруфт аз ӯ, ҳар[4] чӣ оварда буд,
Агар бадраи зар, агар[5] барда буд.

Фиристодагонро ситоиш гирифт,
Бар он некуиҳо физоиш[6] гирифт.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй марди равшанхирад,
Набурдӣ касе, к-ӯ сухан[7] парварад.

Агар зарр(у) гардад ҳама хоки Рум,
Ту сангитарӣ з-ин сарафроз бум».

Ниҳоданд бар Рум-бар божу сов,
Пароканда динор даҳ[8] чарми гов,

Ки ҳар сол Қайсар бари шаҳрёр
Фиристад або ҳадяву бо нисор.

1. И-мардумӣ
2. Л-бад-ин
3. И-акнун
4. Л-он
5. И-Дигар бадраву ҷомаву
6. И-Бад-он некуӣ – бар ниёиш
7. ИЛ-Набарда касе, к-ӯ хирад
8. Л-сад

www.sattor.com

Нагардад сипоҳаш бо гирди Яман,
Нахоҳанд чизе аз он анҷуман.[1]

Фиристодаро хилъат оростанд,
Кулоҳу нигину камар хостанд.[2]

В-аз он ҷойгаҳ нолаи говдум
Шуниданду овози рӯинахум

Ҷаҳондори бедор лашкар биронд,
Ба Шом омаду рӯзгоре бимонд.

Биёвард чандон[3] силеҳу сипоҳ,
Ҳам аз бадраву бардаву[4] тоҷу гоҳ,

Ки пушти заминро ҳаме дод хам,
Зи пилону аз ганҷҳои[5] дирам.

В-аз он марз чун рафтан омад-ш рой,
Ба Шерӯи Баҳром биспурд ҷой.

Бад-ӯ гуфт, к-«Ин божи Қайсар бихоҳ,
Макун ҳеҷ сустӣ ба рӯзу ба моҳ».

Бибӯсид Шерӯй рӯи Замин,
Ҳаме хонд бар шаҳрёр офарин,

Ки «Пирӯзгар бошу бедорбахт,
Магар дод зард ин каёнӣ дарахт!

Табира баромад зи даргоҳи шоҳ,
Сӯи Арман[6] омад дирафшу сипоҳ.

1. И-б. 711, 712 нест.
2. И-б. 711-713 нест.
3. И-чанде
4. И-Ҳама бардаву бадраву
5. И-бадраҳои
6. ИЛ-Озар

www.sattor.com

ДОСТОНИ НӮШЗОД ПИСАРИ НӮШИНРАВОН ВА ЗАНЕ ТАРСО

Ҷаҳондор Кисро[1] чу хуршед буд,
Ҷаҳонро аз ӯ биму уммед буд.

Бад-ин сон равад офтоби сипеҳр,
Ба як даст шамшеру як даст меҳр.

На бахшоиш орад ба ҳангоми хашм,
На хашм оядаш гоҳи[2] бахшиш ба чашм.

Чунин буд ин шоҳи хусравнажод,[3]
Биёроста буд ҷаҳонро[4] ба дод.

Агар шоҳ дидӣ, агар зердаст,
В-агар покдил марди яздонпараст,

Чунон дон, ки чора набошад зи ҷуфт,
Зи пӯшидану хӯрду ҷои нуҳуфт.

Агар порсо[5] бошаду ройзан,
Яке ганҷ бошад пароканда зан,

Бавижа, ки бошад ба боло баланд,
Фурӯ ҳишта то пой мушкин каманд.

Хирадманду ҳушёру борою[6] шарм,
Сухан гуфтани чарбу овози[7] нарм.

Бар ин сон зане дошт пурмоя шоҳ,
Ба болой сарву ба дидор моҳ.

Ба дини Масеҳо буд он моҳрӯй,
Зи дидори ӯ шаҳр пургуфтугӯй.[8]

1. И-Ҷаҳонгир хусрав
2. Л-рӯзи
3. И-оини он покзод,
4. И-Баророста рӯи гетӣ
5. Л-подшоҳ
6. Л-бодонишу
7. Л-гуфтанаш хубу овои
8. И-б. 733 нест.

www.sattor.com

Яке кӯдак омад-ш[1] хуршедчеҳр,
Зи Ноҳид[2] тобандатар бар сипеҳр.[3]

Варо номвар хондӣ[4] Нӯшзод,
Начастӣ зи ноз аз бараш[5] тундбод.

Биболид бар сони сарви саҳӣ,
Ҳунарманду зебои шоҳаншаҳӣ.

Чу дӯзах бидонисту роҳи биҳишт,
Узайру[6] Масеҳу раҳи Зардуҳишт,

Наёмад ҳаме Занду Усташ дуруст,
Ду рухро ба оби Масеҳо бишуст.

Зи дини падар кеши модар гирифт,
Замона бад-ӯ монда андар шигифт.

Чунон тангдил гашт аз ӯ шаҳрёр,[7]
Ки аз гул наёмад ҷуз аз[8] хор бор.

Дари коху фархунда айвони ӯй
Бубастанду карданд зиндони ӯй.

Нишастангаҳаш Ҷунди шопур[9] буд,
Зи Эрону аз Бохтар[10] дур буд.

Басе баставу пургазандон буданд,
Бад-ин шаҳр бо ӯ ба зиндон буданд.

Бад-он гаҳ ки боз омад аз Рум шоҳ,
Бинолид аз он ҷунбишу ранҷи роҳ.

---

1. И-овард
2. И-хуршед
3. И-пас аз б. 734 ин б. омада:
   Ба дидор моҳу ба болой соч,
   Сазовори дайҳиму аврангу тоҷ.
4. И-хонд Нӯширвон,
5. И-Нахастӣ бар он хубрух
6. Л-Азизу
7. И-Аз ин тангдил гашт дайҳимдор,
8. И-ба ҷуз
9. ИЛ—Кундшопур
10. Л-Ки аз шодиву тохтан

www.sattor.com

Чунон шуд зи сусті, ки аз тан бимонд,
Зи ранҷи тан аз бор додан бимонд.

Касе бурд зӣ Нӯшзод огаҳӣ,
Ки тира шуд он фарри шоҳаншаҳӣ.

Ҷаҳондори бедор Кисро бимурд,
Замона замин дигареро супурд.

Зи марги падар шод шуд Нӯшзод,
Ки ҳаргиз варо ном Нӯшӣ мабод!

Касе, к-ӯ зи марги шаҳи додгар
Шавад шодмон, тира дорад гуҳар.[1]

Бад-ин достон зад яке марди пир,
Ки гар шодӣ аз марги ман ту, мамир.

Чу донӣ, ки аз марг худ чора нест,
Чи аз пеш бошад, чи пастар, якест.

Зи марг он набошад равон коста,
Ки бо Эзадаш кор пироста.[2]

Писар, к-ӯ зи роҳи падар бугзарад,
Ситамгора хонемаш, ар[3] бехирад.[4]

Агар бехи ҳанзал бувад тарру хушк,
Нашояд, ки бор оварад бӯи[5] мушк.

Чаро гашт, бояд ҳаме з-он сиришт,
Ки полезбонаш ба оғоз кишт.

Агар майл дорад ҳаме сӯи хок,[6]
Бибуррад зи хуршеду аз оби пок.[7]

1. И-б. 747-749 нест. Л-б. 749 нест.
2. ИЛ-б. 751, 752 нест.
3. Л-аз
4. И-бошад, надорад хирад.
5. И-шоҳ
6. Л-пок.
7. Л-в-аз боду хок.

www.sattor.com

На з-ӯ бор бояд, ки монад,[1] на барг,
Зи хокаш бувад зиндагониву марг.

Яке достон кардам аз Нӯшзод,
Нигаҳ кун, ки то[2] сар напечӣ зи дод.

Агар чархро ҳеч мидро будӣ,
Ҳамоно, ки мидрош Кисро будӣ.

Писар сар чаро печад аз роҳи ӯй,
Нишасти кайӣ ҷустану[3] гоҳи ӯй.

Зи ман бишнав ин достон сарбасар,
Бигӯям туро, эй писар, дарбадар.

Чу гуфтори деҳқон биёростам,
Бад-ин хештанро нишон[4] хостам,

Ки монад зи ман ёдгоре чунин,
Бар ӯ офарин, к-ӯ кунад офарин.

Пас аз марг бар[5] ман, ки гӯяндаам,
Бад-ин номи[6] ҷовид ҷӯяндаам.[7]

Чунин гуфт гӯяндаи порсӣ,
Ки бугзашт сол-андараш чор сӣ,

Ки «Ҳар кас ки бар додгар душман аст,
На мардумнажод аст, к-Оҳарман аст!»

БЕМОР ШУДАНИ НӮШИНРАВОН ВА ФИТНА БАРПО ЗАДАНИ НӮШЗОД

Ҳам аз Нӯшзод омад ин достон,
Ки ёд омад аз гуфтаи бостон.

1. Л-монад, ки бошад
2. Л-магар
3. Л-Нишастан ҳаме ҷуст бар
4. Л-хубӣ достон
5. Л-марги ман,
6. Л-нома
7. И-б. 764 нест

www.sattor.com

Чу бишнид фарзанди Кисро, ки тахт
Бипардахт аз он хусравонӣ дарахт.

Дари кох букшод фарзанди шоҳ,
Бар ӯ анҷуман шуд зи ҳар сӯ[1] сипоҳ.

Касе, к-ӯ зи банди хирад ҷаста[2] буд,
Ба зиндони Нӯшинравон баста буд.

Зи девонагон бандҳо баргирифт,
Ҳама шаҳр з-ӯ даст бар сар гирифт.

Ба шаҳр-андарун ҳар кӣ тарсо буданд,
Агар ҷосалиқ, ар сакубо буданд,

Басе[3] анҷуман кард бар хештан
Саворони гарданкаши теғзан.

Ҳаме дод модар варо хоста,
Ки аз шоҳ буд ганҷаш ороста.[4]

Фароз омадандаш тане сӣ[5] ҳазор,
Ҳама найзадор аз дари корзор.

Ҳамон шаҳрҳое, ки буд гирди ӯй,
Гирифту баромад аз ӯ гуфтугӯй.

Яке нома бинвишт наздики хеш
Ба Қайсар зи ин ройи торики хеш,

Ки бар Ҷундшопур меҳтар[6] туӣ,
Ҳамовозу ҳамкешу ҳамсар туӣ.[7]

Ҳама шаҳр з-ӯ пургунаҳгор шуд,
Сари бахти баргашта бедор шуд.

---

1. И-фаровон
2. Л-падар хаста
3. И-Ҳама
4. ИЛ-б. 774 нест.
5. И-сад
6. ИЛ-б. 776 нест;
   ТПМ - Зи Аҳвозу Шуштар ситад божу сов,
   Або ӯ набуд мардро ҳеҷ тов.
7. ТПЗ – Ҳама шаҳри Эрон туро шуд чу Рум,
   Чи Эрону Озар, чи ободбум.

www.sattor.com

Хабар з-ин ба шаҳри Мадоин расид,
Ки омад зи фарзанди Кисро падид.

Нигаҳбони марзи Мадоин зи роҳ
Саворе барафканд наздики шоҳ.

Сухан ҳар чӣ бишнид, бо ӯ бигуфт,
Чунин огаҳӣ он чи буд дар нуҳуфт.

Фиристода бар сони оби равон
Биёмад ба наздики Нӯшинравон.

Бигуфт, он чи бишниду нома бидод,
Суханҳо, ки пайдо шуд аз Нӯшзод.[1]

Аз ӯ шоҳ бишниду нома бихонд,[2]
Ғамӣ гашт аз он[3] кору хира бимонд.[4]

Ҷаҳондор бо мӯбади сарфароз
Нишасту сухан гуфт чанде ба роз.

Чу гашт ин сухан бар дилаш ҷойгир,
Бифармуд, то пеши ӯ шуд дабир![5]

НОМАИ НӮШИНРАВОН БА РОМБАРЗИН, НИГАҲБОНИ МАРЗИ МАДОИН, ДАР БОРАИ ГИРИФТОР КАРДАНИ НӮШЗОД

Яке нома бинвишт пурдоғу дард,
Пурожанг рух, лаб пур аз боди сард.

Нахустин бар он офарин густарид,
Ки чарху замону замин офарид.

Нигорандаи ҳуру кайвону моҳ
Фурӯзандаи фарру дайҳиму гоҳ.

Зи хошоки ночиз то пушти пил,
Зи гарди дами мӯр то рӯди Нил,

1. Л-б. 783, 784 нест.
2. Л-хира бимонд,
3. И-Ғамин гашт в-он
4. Л-кор, нома бихонд.
5. И-б. 787 нест.

www.sattor.com

Агарчанд ба м-ёни сандон раванд,
Ҳама зери фармони Яздон раванд.

На фармони ӯро карона падид,
На з-ӯ подшоҳӣ бихоҳад бурид.

Бидонистам ин номаи нописанд,
Ки омад зи фарзанд чандин газанд.

В-аз он[1] пургуноҳони зиндоншикан,
Ки гаштанд бо Нӯшзод[2] анҷуман.

Чунин рӯз гар чашм дорад касе,
Сазад, гар намонад ба гетӣ басе,

Ки ҷуз маргро кас зи модар назод,
Зи Кисро ба оғоз то Нӯшзод.

Пайи пашшаву мӯр то шеру[3] карг
Раҳо нест аз чангу минқори марг.

Замин гар кушода кунад рози хеш,
Намояд саранҷому оғози хеш.

Канораш пур аз тоҷдорон бувад,
Бараш пур зи хуни саворон бувад.

Пур аз марди доно бувад доманаш,
Пур аз хубрух[4] чоки пероҳанаш,

Чи афсар ниҳӣ бар сарат-бар, чи тарг,
Бар ӯ бугзарад парру пайкони марг.

Сухан он ки эдар намонад касе,
Ба марги писар шод набвад басе.[5]

Гурӯҳе, ки ёранд бо Нӯшзод,
Ки ҷуз марги Кисро нагиранд ёд,

1. И – ин
2. И-наздики ӯ
3. И-Тани пашшаву пил то мӯру
4. И-моҳрух
5. И-б. 803 нест; 799-803 нест.

www.sattor.com

Агар худ гузар ёбад[1] аз рӯзи бад,[2]
Ба марги касон[3] шод бошад,[4] сазад,

Ва дигар, ки аз марги шоҳони дод
Нагирад касе ёд ҷуз баднажод.

Сари Нӯшзод ар зи мо бозгашт,
Чунин дев бо ӯ ҳамовоз гашт.

Набошад бар ӯ пойдор ин сухун,
Барафрӯхт, чун хост омад ба бун.[5]

Набоист, к-аз назди мо пойгоҳ
Бад-ин огаҳӣ хира гардад табоҳ.

Агар тахт гаштӣ зи Кисро тиҳӣ,
Ҳам ӯро будӣ тоҷи шоҳаншаҳӣ.

Чунин буд худ дархури кеши ӯй,
Сазовори ҷони бадандеши ӯй.

Аз ин бар дил андешаву бок нест,
В-агар[6] кеши фарзанди мо пок нест.

В-аз он хоста, к-ӯ[7] табаҳ кард низ,
Ҳаме бар дили мо насанҷад ба чиз.[8]

Ҳар он кас, ки бо ӯ ба ҳам сохтанд,
В-аз озарми мо дил бипардохтанд,

Бадандешу бадкору[9] бадгавҳаранд,
Бад-ин зердастӣ[10] на андар х(в)аранд.

---

1. Л-ёбӣ
2. И-Касе, к-ӯ гузар ёбад аз марг х(в)ад,
3. ИЛ-касе
4. Л-бошӣ
5. Л-б. 808 нест;
   ТПМ – Ҳаме то сари ман бувад тоҷдор
   Чу ман кас набошад ҷаҳоншаҳрёр.
6. ИЛ-Агар
7. И-гар
8. И-пашиз.
9. И-бадсозу
10. И-подшоҳӣ

www.sattor.com

Аз ин даст хор аст бар мо[1] сухун,
Зи кирдори эшон ту дил[2] бад макун.

Маро тарсу бок аз ҷаҳондовар аст,
Ки аз дониши бартарон бартар аст.

Мабодо,[3] ки шуд ҷони мо носипос
Ба наздики Яздони некишинос.

Маро дод пирӯзиву фарраҳӣ,
Фузуниву[4] дайҳими[5] шоҳаншаҳӣ.

Сазои диҳиш гар ниёиш будӣ,
Маро бар фузунӣ физоиш будӣ.

На аз пушти ман рафт як қатра об,
Ба ҷои дигар ёфт орому хоб.

Чу бедор шуд, душман омад маро,
Битарсам, ки ранҷ аз ман[6] омад маро.

Агар гоҳи хашми ҷаҳондор нест,
Маро аз чунин кор тимор нест.[7]

Ҳамон кас, ки бо ӯ шуданд анҷуман,
Ҳама зору хоранд бар чашми ман.

Аз он нома, к-аз Қайсар омад бад-ӯй,
Ҳаме оби тира даромад ба ҷӯй.

Аз он, к-ӯ ҳамовозу ҳамкеши ӯст,
Гумон буд,[8] ки Қайсар ба тан хеши ӯст.

---

1. И-бо ман; Л-моро
2. И-Ту дилро зи кирдорашон
3. Л-Набояд
4. И-Бузургиву
5. Л-дайҳиму
6. Л-тан
7. ТПМ – Ҳанӯз ар маро ёрӣ аз бахт ҳаст,
   Аз ин кор бар ман наёяд шикаст.
8. Л-Гумонам

www.sattor.com

Касеро, ки кӯтоҳ бошад хирад,
Ба[1] дини[2] ниёкони худ нангарад.[3]

Писар он бувад беҳ, ки дини падар
Бигирад, наёзад ба кини падар.[4]

Гар ин[5] бехирад сар бупечад зи дод,
Ба дашноми ӯ лаб набояд кушод,

Ки дашноми ӯ вижа дашноми мост,
Ки ӯ аз паю хуну андоми мост.[6]

Ту лашкар биёрою барсоз ҷанг,
Мадоро кун андар миёну диранг.

В-ар эдун, ки танг андарояд сухун,
Ба ҷанг ояд ӯ, ҳеҷ тундӣ макун.

Гирифтан-ш беҳтар зи куштан бувад,
Магар-ш аз гунаҳ бозгаштан бувад.

Ба оне, ки аз сарви озод руст,
Ба оби хирад боядат хок шуст.

В-агар хор гирад тани арҷманд,
Ба пастӣ ниҳад рӯй сарви баланд.[7]

Сараш баргирояд[8] зи болини ноз,
Мадор эч аз ӯ гурзу шамшер боз.

Гиромӣ чу[9] хорӣ кунад орзуй,[10]
Нашояд ҷудо кардан ӯро зи хӯй.[11]

1. Л-Зи
2. И-Зи роҳи
3. ИЛ-бугзарад.
4. ИЛ-б. 828 нест.
5. ИЛ-он
6. И-б. 830 нест.
7. Л-б. 834, 835 нест.
8. Л-гар гирояд
9. Л-ки
10. Л-орзу,
11. Л-хӯ.

www.sattor.com

Яке арҷманде бувад гашта хор,
Ки[1] бо шоҳи гетӣ кунад корзор.

Ту аз куштани ӯ мадор эч бок,
Чу хуни сари хеш ҷӯяд ба хок.

Сӯи кеши Қайсар шитобад ҳаме,
Зи дайҳими мо сар битобад ҳаме.

Азизе шавад[2] зору хору нажанд,
Гузида табоҳӣ[3] зи чархи баланд.

Бад-ин достон зад яке Меҳрнӯш,
Парастори боҳушу[4] пашминапӯш,

Ки ҳар к-ӯ ба марги падар гашт шод,
Варо ромиши[5] зиндагонӣ мабод.

Ту бе тирагӣ рӯшноӣ маҷӯй,
Ки бо оташ об андарояд ба ҷӯй.

На осоние дид бе ранҷ кас,
Ки расми замона бар ин асту бас.[6]

Ту бо чархи гардон макун дӯстӣ,
Ки гаҳ мағз ёбиву гаҳ пӯсте.

Чӣ ҷӯӣ зи кирдори ӯ рангу бӯй,
Бихоҳад, рабудан чу бинмуд рӯй?

Бад-он гаҳ бувад, ранҷу биму газанд
Ки гардуни гардон барорад баланд.

Сипоҳе, ки ҳастанд бо Нӯшзод,
Куҷо сар бипечанд чандин зи дод.

Ту онро ҷуз аз боду бозӣ мадон,
Газофи ҷаҳон бину розӣ мадон.

1. ИЛ-Чу
2. ИЛ-бувад
3. Л-сиёҳӣ
4. И-бо кори
5. ИЛ-ромишу
6. И-б. 840 нест.

www.sattor.com

Ҳар он кас, ки тарсост бо лашкараш,
Ҳаме аз пайи кеш печад сараш.

Чунин аст кеши Масеҳо, ки дам
Занӣ тезу гардад касе з-он дижам,

На бар рою роҳи Масеҳо бувад,
Ба фарҷом хасмаш чалипо бувад.

Ва дигар, киянд аз парокандагон,
Бадомӯзу бадхоҳу ковандагон.

Аз эшон якеро ба дил тарс нест,
Дами бод бо ройи эшон якест.

Ба ҷанг ар гирифта шавад Нӯшзод,
Бар ӯ ин суханҳо макун эч ёд.[1]

Набояд, ки озор ёбад танаш,
Шавад он замон рахна пироҳанаш,[2]

Ки пӯшидарӯёни мо дар ҷаҳон[3]
Сар оранд бар хештан дар ниҳон.[4]

Ҳам айвони ӯ беҳ, ки зиндон бувад,[5]
Ҳар он кас, ки ӯро ба фармон бувад.[6]

Дари ганҷ яксар бад-ӯ- дармабанд,
В-агарчи чунин хор гашт арҷманд.

Зи пӯшиданиҳову аз хӯрданӣ,
Зи афканданӣ, ҳам зи густурданӣ,

Бар ӯ ҳеҷ тангӣ набояд ба чиз,
Ҷуз ин[7] он суханҳо наярзад ба низ.

---

1. ТПМ – В-агар дил зи норостӣ бугсилад,
Набояд, ки ҷонаш ба ғам бархалад.
2. ИЛ-б. 857 нест.
3. Л-ӯ дар ниҳон
4. Л-бар ҷаҳон.
5. Л-зиндони ӯй,
6. Л-Бувад в-он, ки бурданд фармони ӯй.
7. И-Ки ҷиз

www.sattor.com

В-аз ин марзбонони эрониён,[1]
Ҳар он кас, ки бастанд бо ӯ миён,

Чу пирӯз гардӣ, мапечон сухун,
Миёншон ба ханҷар ба ду ним кун.

Ҳар он[2] кас, ки ӯ[3] душмани подшост,
Ба коми наҳангаш[4] супорӣ, равост.

Ҷуз он ҳар чи моро[5] ба дил душман аст,
Зи тухми ҷафопеша Оҳарман аст.

Зи мо некуиҳо нагиранд ёд,
Туро озмоиш бас аз Нӯшзод.

Ҳама пеши мо порсоён буданд,
Зи бодафраи мо ҳаросон буданд.

Зи наззора ҳар[6] кас, ки дашном дод,
Забонаш биҷунбид бар Нӯшзод.

Бад-он вижа дашномҳо хостанд,
Ба ҳангом бад гуфтан оростанд.

Мабош андар ин низ ҳамдостон,
Ки бадхоҳ ронад чунин достон.

Гар ӯ беҳунар шуд, ҳам аз пушти мост,
Дили мо бар ин достон[7]-бар гувост.

Забони касе, к-ӯ ба бад кард ёд,
В-аз ӯ буд бедод бар Нӯшзод.[8]

Ҳама доғ кун бар сари анҷуман,
Мабодаш забону мабодаш даҳан.

1. И-марз то кишвари Румиён,
2. И-Ки ҳар кас, ки ар
3. Л-Ки ҳар
4. И-наҳангон
5. И-бо мо
6. Л-ҳар он
7. Л-бад-ин ростӣ
8. И-б. 870-873 нест.

www.sattor.com

Касе, к-ӯ бичӯяд ҳаме рӯзгор,
Ки то паст гардад тани шаҳрёр,

Ба кор оварад кажжии[1] душманӣ,
Бадандешиву кеши оҳарманӣ.

Бад-ин подшоҳӣ набошад, равост,
Ки фарри писар афсари чеҳри мост.

ҶАНГ СОХТАНИ РОМБАРЗИН БО НӮШЗОД ВА ПАНД ДОДАНИ ПИРӮЗ НӮШЗОДРО

Ниҳоданд бар нома-бар мӯҳри шоҳ,
Фиристода баргашта пӯён[2] ба роҳ.

Чу аз раҳ сӯи Ромбарзин расид,
Бигуфт, он чи аз шоҳ Кисро шунид.

Чу ин гуфта шуд, нома ӯро[3] бидод,
Ба фармон, ки фармуд бо Нӯшзод,

Сипаҳ кардану ҷангро сохтан,
В-аз озарми ӯ мағз пардохтан.

Чу он нома бархонд марди куҳан,[4]
Шунид аз фиристода чанде сухан.[5]

Бад-он гаҳ ки хезад хурӯши хурӯс,
Зи даргоҳ бархост овои кӯс.

Сипоҳе бузург аз Мадоин бирафт,
Бишуд Ромбарзин бари[6] ҷанг тафт.

Пас огоҳӣ омад сӯи Нӯшзод,
Сипоҳ анҷуман карду рӯзӣ бидод.

1. Л-кажживу
2. И-баргашту омад
3. Л-номаи ӯ
4. Л-фаррухдабир,
5. Л-он фиристодаи тезвир.
6. ИЛ-сӯи

www.sattor.com

Ҳама чосаликону[1] батрикӣ Рум,
Ки буд андар он марзи ободбум,

Сипаҳдор Шаммос пеш-андарун,
Сипоҳӣ ҳаме[2] даст шуста ба хун.

Баромад хурӯш аз дари Нӯшзод,
Бичунбид лашкар чу дарё зи бод.

Ба ҳомун кашиданд яксар зи шаҳр,
Пур аз ҷанг сар, дил пур аз кину заҳр.

Чу гарди сипаҳ Ромбарзин бидид,
Бизад нойи рӯину саф баркашид.

Зи гарди саворону хуни сарон,
Гироидани гурзҳои гарон

Дили санги хоро ҳаме бардарид,
Касе рӯи хуршеди тобон надид.

Ба қалби сипоҳ-андарун Нӯшзод
Яке тарги румӣ ба сар барниҳод.

Сипоҳе буд[3] аз ҷосаликони Рум,
Ки пайдо набуд аз пайи наъл бум,

Ту гуфтӣ, магар хок ҷӯшон шудаст,
Ҳаво бар сари ӯ хурӯшон шудаст.

Зиреҳдор гурде баромад далер,
Кучо номи ӯ буд Пирӯзи Шер.

Хурӯшид, к-«Эй номвар Нӯшзод,
Сазад, гар напечӣ саратро зи дод.

Макун разм бо лашкари шаҳрёр,
Ки гардӣ пушаймон аз ин корзор.[4]

1. ИЛ-ҷосаликону
2. ИЛ-ҳама
3. И-пур
4. ИЛ-б. 898 нест

www.sattor.com

Бигаштӣ зи дини каюмаррасӣ,
Ҳам аз роҳи Ҳушангу Таҳмурасӣ.

Масеҳи фиребанда худ кушта шуд,
Чу аз дини Яздон сараш гашта шуд.

Зи диноварон дини он кас маҷӯй,
Ки ӯ кори худро надонист рӯй.

Агар фарри Яздон бад-ӯ тофтӣ,
Ҷуҳуде бар ӯ даст кай ёфтӣ?!

Падар-т он ҷаҳондори[1] озодмард,
Шунидӣ, ки бо Руму Қайсар чӣ кард?

Ту бо ӯ кунун ҷанг созӣ ҳаме,
Сарат б-осмон барфарозӣ ҳаме.

Бад-ин чеҳри чун моҳу ин фарру бурз,
Бад-ин шоху ин ёлу ин дасту гурз,

Набинам хирад ҳеҷ наздики ту,
Чунин хира шуд ҷони[2] торики ту.

Падар зиндаву пур ҷӯёи гоҳ,
Чӣ гуна бувад, нест оину роҳ?

Гар ӯ бугзарад тоҷ ҷӯӣ, равост,
Кунун разми ӯ ҷустан аз ту хатост.[3]

Дареғ ин сару тоҷу ному нажод,
Ки акнун ҳаме[4] дод хоҳӣ ба бод.

Ту бо шоҳ Кисро басанда наӣ,
Агар шеру бабри даманда наӣ.

Чу дасту инони ту, эй шаҳрёр,
Бар айвони шоҳон надидам нигор.

1. И- ҷаҳонгири.
2. И-ройи
3. ИЛ-б. 907 нест.
4. И-ба хира

www.sattor.com

Чу пою рикобу бару ёли ту,
Чунин шӯриши ҷангу кӯполи ту.

Нигоранда чунин нигоре надид,
Замона чу ту шаҳрёре надид.

Бад-ин кӯдакӣ ҷони Кисро масӯз,
Макун тира ин тоҷи гетифирӯз.[1]

Пиёда шав, аз шоҳ зинҳор хоҳ,
Ба хок афкан ин гурзу румӣ кулоҳ.

Агар дур аз эдар яке боди сард
Нишонад ба рӯи ту-бар тирагард,

Дили шаҳрёр аз ту бирён шавад,
Зи рӯи ту хуршед гирён шавад,

Ба гетӣ ҳама тухми зуфтӣ макор,
Ситеза на хуб ояд аз шаҳрёр.

Гар аз роҳи ман сар ба як сӯ барӣ,
Ба тундӣ гароиву кундоварӣ,

Басе панди Пирӯз ёд оядат,
Басе аз ҷигар сардбод оядат»[2].

Чунин дод посух варо Нӯшзод,
Ки-«Эй пири фартути сар пур зи бод,

Зи лашкар чу ман зинҳорӣ махоҳ,
Сарафрози гурдону фарзанди шоҳ,[3]

Маро дини Кисро набояд ҳаме,
Дилам сӯи модар гирояд ҳаме,

Ки дини Масеҳо шуд оини ӯй,
Нагардам ман аз фарраву дини ӯй,

---

1. ТП - Ки ҳарчанд фарзанд душман бувад,
Чу шуд кушта, бобаш ба шеван бувад.
2. И-б. 919, 920 нест.
3. И-б, 922 нест.

www.sattor.com

Масеҳои диндор агар кушта шуд,
На фарри ҷаҳондор аз ӯ гашта шуд.

Сӯи покяздон бишуд боз пок,
Баландӣ гузид ӯ аз ин тирахок.

Агар ман шавам кушта бас бок нест,
Ки заҳрест, к-аш ҳеҷ тарёк нест».[1]

РАЗМИ РОМБАРЗИН БО НӮШЗОД ВА КУШТА ШУДАНИ НӮШЗОД

Бигуфт ин сухан пеши Пирӯзи пир,
Бипӯшид рӯи ҳаво парри[2] тир.

Бирафтанд гурдони лашкар зи ҷой,
Хурӯш омад аз кӯсу аз[3] карраной.

Чу оташ сипаҳбад барангехт асп,
Биёмад ба кирдори Озаргушасп.

Чапи лашкари шоҳи Эрон бибурд,
Ба пеши сипаҳ барнамонд[4] эч гурд.

Фаровон зи гурдони[5] лашкар[6] бикушт,
Аз он кор[7] шуд Ромбарзин дурушт.

Бифармуд, то тирборон кунанд,
Ҳаво чун тагарги баҳорон кунанд.[8]

Ба гирд-андарун хаста шуд Нӯшзод,
Басе кард аз он панди Пирӯз ёд.

Биёмад, ба қалби сипаҳ шуд чу гард,
Тан аз тир хаста, рух аз дард зард.

1. Л-б. 927 нест.
2. Л-ҳаворо ба
3. Л-омаду нолаи
4. ИЛ-дарнамонд
5. И-шерони
6. Л-лашкар-ш гурдон
7. И-гоҳ
8. ТП – Баромад деҳу дор аз ҳар ду сӯй
Зи гурдони ҷангии пархошҷӯй.

www.sattor.com

Чунин гуфт пеши далерони Рум,
Ки «Ҷанги падар хору зор асту шум».

Бинолиду гирён суҷуфро бихонд,
Сухан ҳар чӣ будаш ба дил-дар, биронд.

Бад-ӯ[1] гуфт, к-«Ин рӯзгори дижам
Зи ман бар ман овард чандин ситам.

Кунун чун ба хок андаромад сарам,
Саворе барафкан сӯи модарам.

Бигӯяш, ки рафт аз[2] ҷаҳон Нӯшзод,
Саромад бар ӯ рӯзи бедоду дод,

Ту аз ман магар дил надорӣ ба ранҷ,
Ки ин аст расми сарои сипанҷ.

Маро баҳра ин буд аз ин тирарӯз,
Дилам чун будӣ шоду гетифурӯз.

Назояд ба ҷуз маргро ҷонвар,
Агар мурд хоҳӣ, ғами ман мах(в)ар.

Дили ман зи куштан пур аз дуд нест,
Падар бадтар аз ман, ки хушнуд нест.

Макун дахмаву тахту ранҷи дароз,
Ба расми Масеҳо яке гӯр соз.

На кофур бояд, на мушку абир,
Ки ман з-ин ҷаҳон хаста гаштам ба тир.

Бигуфт ину лабҳо ба ҳам барниҳод,
Шуд он номвар шердил[3] Нӯшзод.

Чу огоҳ шуд лашкар аз марги шоҳ,
Пароканда гаштанд ҳар сӯ сипоҳ.

1. И-Чунин
2. ИЛ- шуд з-ин
3. И-тоҷвар

www.sattor.com

Чу бишнид, к-ӯ кушта шуд, паҳлавон
Ғиревон ба болини ӯ шуд давон.[1]

Аз он размгаҳ кас нагаштанд низ,
Набуданд шоду набурданд чиз.

Варо кушта диданду афканда хор,
Сакубои румӣ сараш бар канор.[2]

Ҳама размгаҳ гашт аз ӯ[3] пурхурӯш,
Дили Ромбарзин пур аз дарду ҷӯш.

Зи усқуф бипурсид, к-«Аз Нӯшзод
В-аз андарзҳояш чӣ дорӣ ба ёд?»

Чунин дод посух, ки «Ҷуз модараш
Бараҳна набояд, ки бинад сараш.

Тани хеш чун дид хаста ба тир,
Сутудон нафармуду мушку абир.

Ба расми Масеҳо кунун модараш
Кафан созаду гӯру пӯшад сараш.[4]

На афсар, на дебои румӣ, на тахт,
Чу аз бандагон дид торик бахт.

Кунун ҷони ӯ бо Масеҳо якест,
Ҳамон аст, к-ин[5] кушта[6] бар дор нест.

Масеҳӣ ба шаҳр-андарун ҳар кӣ буд,
Намонд эч тарсо ба[7] рух[8] ношахуд.

Хурӯш омад аз шаҳру ҳар марду зан
Ки буданд, яксар шуданд анҷуман,

1. И-равон.
2. Л-б 951 нест.
3. Л-гашта з-ӯ
4. Л- гӯр, пӯшад бараш.
5. Л-к-ӯ
6. И-к-ӯ мурда
7. Л-тарсову
8. И-Бимонданд рухсорагон

www.sattor.com

Ки шуд[1] шаҳрёре[2] далеру ҷавон,
Дилу дидаи шоҳ Нӯшинравон.[3]

Ба тобут аз он дашт бардоштанд,
Се фарсанг бар даст бугзоштанд[4].

Чу огоҳ шуд з-он сухан модараш,
Ба хок андаромад сару[5] афсараш.

Зи парда баромад бараҳна ба роҳ,
Бар ӯ анҷуман гашта бозоргоҳ.

Саропардае[6] гирдаш-андар заданд,
Ҷаҳоне ҳама[7] хок бар сар заданд.[8]

---

1. Л-буд
2. И-Тани шаҳрёри
3. И-Нӯширвон.
4. ТПЗ – Аз он пас ду астар ба зер-андараш
Ҳаме бурд то пеши он модараш.
5. И-сари
6. И-Яке хайма
7. И-Ҳама шаҳр бар
8. И-Пас аз б. 970 инҳо омада:

Чу тобут бар шаҳр наздик шуд,
Зи гарди сипаҳ рӯз торик шуд.
Зи парда бараҳна дар он модараш,
Биёмад, пур аз хок фарқу сараш.
Ба финдиқ ҳаме барги гулро бихаст,
Ба мӯи бурида миёнро бубаст.
Хурӯшон баромад бари марди соҷ,
Ҳаме гуфт зорӣ худованди тоҷ.
Барафканданат тан, барафканда бод,
Ба чанголи шерон танаш канда бод!
Бари симрангат ба оҳан кӣ хаст,
Ки бодаш бурида ба шамшер даст!
Сазад, гар бад-ин даҳр нафрин кунам,
Ман аз дарди ту хок болин кунам!
Нахоҳад ҷаҳон бе ту модар кунун,
Ҳам акнун чу ту ғарқа гардад ба хун,
Зи ходим яке теғ бистад чу об.
Ки дарзад ҷигаргоҳи худ дар шитоб,
Парастандагон зуд даровехтанд.
Яке растахезе баровехтанд.
Зи бас зориву тоб бетӯш гашт,
Ба хок андарафтоду беҳуш гашт.
Бирафтанд тобут аз астар ба зер,
Бузургон бар ӯ- бар гиристанд дер.
Ба расми Масеҳову оини Рум
Ниҳоданд сандуқ дар хоки шум.

www.sattor.com

Ҳама Ҷундшопур[1] гирён шуданд,
Зи дарди дили шоҳ бирён шуданд.

Чӣ печӣ ҳаме хира дар банди оз,
Чу[2] донӣ, ки эдар намонӣ дароз?!

Гузар ҷӯю чандин ҷаҳонро[3] маҷӯй,
Гулаш заҳр дорад, ба хира мабӯй.[4]

Магардон сар аз дину аз ростӣ,
Ки хашми Худо[5] оварад костӣ.[6]

Чу эмин шавӣ, дил зи ғам бозкаш,
Мазан бар дилат-бар зи тимор таш.

Гарат ҳаст ҷоме, майи зард хоҳ,
Ба дил хуррамиро мадон аз гуноҳ.

Нишоту тараб ҷӯю мастӣ макун,
Газофа мапиндор мағзи сухун.

В-агар дар дилат ҳеҷ меҳри Алист,
Туро рӯзи маҳшар ба хоҳиш валист.[7]

Дили шаҳрёри ҷаҳон шод бод,
Ҳама гуфтаи ман варо ёд бод.

Ба хокаш супурданду шуд Нӯшзод,
Зи бод омаду ногаҳон шуд ба бод.

1. ИЛ – Кундшопур
2. Л – Чӣ
3. И – созу чандии баҳона
4. И – Гули заҳр хира ба гетӣ мапӯй; Л – ба сабзӣ мапӯй.
5. И – Худой
6. ТПЗ – Чунин гуфт диновари тозиён,
Ки «Хашми падар ҷонат орад зиён.
Падар, к-аз писар ҳеч нохушнад аст,
Бидон, к-он писар тухму бори бад аст.
Маёзор ҳаргиз равони падар,
Агарчанд аз ӯ ранҷат ояд ба сар».
7. Л – пеши Эзид ба хоҳишгарист;
ТПЗ – Ҳаворо мадеҳ чирагӣ бар хирад,
Чунон кун ту ҳар кор, к-андархурад.
Ба дониш ҳамеша нигаҳ дор дин,
Ки бар ҷонат аз дин бувад офарин.
Ба мину бад-ӯ раста гардему бас,
Дари растагорӣ ҷуз ӯ нест кас.
Агар дар дилат з-ӯ бувад ҳеҷ зеғ,
Бидон, к-ӯ биҳишт аз ту дорад дареғ.

www.sattor.com

Ҷаҳондор Маҳмуд ҷӯёи ҳамд,
К-аз ӯ дар ҳама дил бувад ҷои ҳамд,

Сари тоҷи ӯ шуд сутуни сипеҳр,
Ҳамеша зи фарраш фурӯзанда меҳр.[1]

ХОБ ДИДАНИ НӮШИНРАВОН ВА БА ДАРГОҲ ОМАДАНИ БУЗАРҶМЕҲР

Кунун дар суханҳои Бузарҷмеҳр
Яке тозатар баркушоем чеҳр.[2]

Нигар, хобро беҳуда нашмарӣ,
Яке баҳра донаш зи пайғамбарӣ.

985 Бавижа, ки шоҳи ҷаҳон бинадаш,
Равони дурахшанда бугзинадаш.

Ситора занад рой бо чархи[3] моҳ,
Суханҳо пароканда гардад ба роҳ.

Равонҳои равшан бубинад ба хоб,
Ҳама буданиҳо чу оташ дар об.

Шабе хуфта буд шоҳ Нӯшинравон,[4]
Хирадпиру бедору[5] давлатҷавон.

Чунон дид дар хоб, к-аз пеши тахт
Бирустӣ яке хусравонӣ дарахт.

990 Шаҳаншоҳро дил биёростӣ,
Маю руду ромишгарон хостӣ.

Або вай бар он гоҳи орому[6] ноз,
Нишастӣ яке тездандон гуроз.

1. Л – б. 979–982 нест;
   ТП – Ҳамон чун шунид ин суханҳои ман,
   Ба некӣ маро бод аз ӯ нози тан.
2. И –б. 983 нест.
3. ИЛ – чарху
4. И –Нӯширвон,
5. И – бинову
6. И – Бар он тахт бо ӯ ба шодиву

www.sattor.com

Нишастиву май хӯрдан оростӣ,
Май аз ҷоми Нӯшинравон[1] хостӣ.

Чу хуршед барзад сар аз бурҷи гов,
Зи ҳар сӯ баромад хурӯши чаков.[2]

Нишаст аз бари тахт хусрав[3] дижам,
Аз он хоб гашта дилаш пур зи ғам.

Гузорандаи хобро хонданд,
Радонро бари гоҳ биншонданд.

Бигуфт, он куҷо дид дар хоб шоҳ,
Бад-он мӯбадони намояндароҳ.

Гузорандаи хоб посух надод,
К-аз он[4] достонаш набуд эч ёд.

Ба нодонӣ он кас, ки хасту[5] шавад,
Зи воми[6] накӯҳиш ба як сӯ шавад.

Зи донанда чун шоҳ посух наёфт,
Пурандеша[7] дил сӯи чора шитофт.

Фиристод бар ҳар сӯе мӯбаде,
Ҷаҳонҷӯю бедордил бихраде.

Яке бадра бо ҳар яке бор кард,
Ба баргаштан уммеди бисёр кард,

Ба ҳар бадрае-дар дирам[8] даҳ ҳазор,
Бад-он то кунанд аз ҷаҳон хостор.

Гузорандаи хоб доно касе,
Ба ҳар донише роҳ ҷуста[9] басе,

1. И – Нӯширвон
2. Л– Чу хуршеди рахшанда бинмуд рӯй,
Ҷаҳон гашт яксар пур аз гуфтугӯй.
3. ИЛ – Кисро
4. Л – ин
5. Л –хашну
6. И – доми; Л – Забони
7. И – Барандеша; Л – Ба андеша
8. И – як бидод аз
9. И –ҷустӣ

www.sattor.com

Ки бугзорад ӯ[1] хоби шоҳи ҷаҳон,
Нуҳуфта барорад зи[2] банди ниҳон.

Яке бадра оганда ӯро диҳанд,
Сипосе зи[3] шоҳи ҷаҳон барниҳанд.

Ба ҳар сӯ бишуд мӯбаде[4] кордон,
Саворе ҳашивору[5] бисёрдон.

Яке аз радон номаш Озодсарв,
Зи даргоҳи Кисро биёмад ба Марв.

Баромад[6] ҳаме гирди Марву биҷуст,
Яке мӯбаде дид бо Занду Уст.

Ҳаме[7] кӯдаконро биёмӯхт Занд
Ба тундиву хашму ба[8] бонги баланд.

Яке кӯдаке меҳтар андар бараш,[9]
Пижӯҳандаи Занду Усто[10] сараш.

Ҳаме хондандиш Бузарҷмеҳр,
Ниҳода бар он дафтар аз меҳр[11] чеҳр.[12]

Инонро бупечид мӯбад зи роҳ,
Биёмад, бипурсид аз он хоби шоҳ.

Нависанда[13] гуфт: «Ин на кори ман аст,
Зи[14] ҳар донише Занд ёри ман аст.

1. И –он.
2. И – надорад, бубинад
3. ИЛ – ба
4. И –сӯй шуд мӯбади
5. И – хашивори
6. Л – Биёмад
7. И – Ҳама
8. И – Ба хашмеву тундиву
9. И – кӯдаки меҳтаре бар дараш,
10. Л – Пажӯҳанда бар Занду Вусто
11. И – Бад-он дафтар аз меҳр бинҳод
12. ТПМ – Ба дониш беҳ аз баччагон омад ӯ,
Зи тухми пажӯҳандагон омад ӯ.
13. И – Набисанда
14. И – Ба

www.sattor.com

Биёмӯзам ин кӯдаконро ҳаме,
Бурун з-ин наёрам задан худ даме».[1]

Зи мӯбад чу бишнид Бузарҷмеҳр,
Бар ӯ дод гӯшу барафрохт чеҳр.

Ба устод гуфт: «Ин шикори ман аст,
Гузоридани хоб кори ман аст».

Яке бонг барзад бар ӯ марди Уст,
Ки ту дафтари хеш кардӣ дуруст?

Гарон хобҳо чун гузориш кунӣ,
Шикамгурсна чун гувориш кунӣ?![2]

Фиристода гуфт: «Эй хирадманд мард,
Магар донад ӯ, гирди хорӣ магард.[3]

Магар бахти ин кӯдак афрӯхтаст,
Зи ту не, ки аз давлат омӯхтаст.

Ғамӣ[4] шуд зи Бузарҷмехр устод,
«Бигӯ он чӣ дорӣ,[5] - бад-ӯ гуфт,– ёд».

«Нагӯям ман ин, - гуфт, - ҷуз пеши шоҳ,
Бад-он гаҳ ки биншонадам пеши гоҳ»,

Бидодаш фиристода аспу дирам,
Дигар ҳар чӣ боисташ[6] аз бешу кам.

Бирафтанд ҳар ду баробар зи Марв,
Хиромон чу дар зери гулбун[7] тазарв.

Чунон ҳам гурозону гӯён зи шоҳ,
Зи фармону аз фарру аз тоҷу гоҳ.

1. ИЛ –б. 1014 нест.
2. И –б. 1016–1018 нест; Л – б, 1018 нест;
ТПЗИ – Ки бо бод гардан барафрохтӣ,
Гузоридани хобро сохтӣ.
3. ТП – Чӣ донӣ ту аз гардиши рӯзгор,
Ки аз мард ҷома наёяд ба кор.
4. И – Ғамин
5. И – Бикун ҳар чӣ донӣ,
6. И – Ҳар он ч-аш бибоист
7. И – зери гул - андар

www.sattor.com

Расиданд ҷое, куҷо об буд,
Чу ҳангомаи[1] хӯрдану хоб буд,

Ба зери дарахте фуруд омаданд,
Чу чизе бихӯрданд, дам барзаданд.

Бихуфт андар он соя Бузарҷмеҳр,
Яке чодар андаркашида ба чеҳр.

Ҳанӯз он гаронмоя бедор буд,
Ки бо ӯ[2] ба роҳ-андарун ёр буд.[3]

Нигаҳ кард, пешаш яке мор дид,
Ки он чодар аз хуфта андаркашид.[4]

Зи сар то ба пояш бибӯид сахт,
Шуд аз пеши ӯ сӯи барги дарахт.

Чу мори сияҳ бар сари дор шуд,
Сари кӯдак аз хоб бедор шуд.

Чу он аждаҳо шӯриши ӯ бидид,[5]
Бар он шохи борик шуд нопадид.

Фиристода андар шигифтӣ бимонд,
Фаровон бар ӯ номи Яздон бихонд.

Ба дил гуфт, к-ин кӯдаки ҳушманд
Ба ҷое расад дар бузургӣ[6] баланд.

ГУЗОРДАНИ БУЗАРҶМЕҲР ХОБИ КИСРОРО

В-аз он беша пӯён ба роҳ омаданд,
Хиромон ба наздики шоҳ омаданд.

Фиристода аз пеши кӯдак бирафт,
Бари тахт[7] Кисро хиромид тафт.

---

1. И – Ҳам аз комаи
2. Л – вай
3. ТПМ – Аз андешаи дил наёмад-ш хоб,
   Аз он кӯдаки донишӣ дил ба тоб.
4. И – чодари хуфта пурбор дид.
5. И – шунид,
6. ИЛ – баландӣ
7. И – Ба наздики

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй шоҳ Нӯшинравон,
Туӣ хуфта, бедор бахти[1] ҷавон.

Бирафтам зи даргоҳи шоҳӣ ба Марв,
Бигаштам чу андар гулистон тазарв.

Зи фарҳангиён кӯдаке ёфтам,
Биёвардаму тез биштофтам».

Бигуфт он сухан, к-аз лаби вай шунид,
Зи мори сияҳ он шигифтӣ, ки дид.

Ҷаҳондор[2] Кисро варо пеш хонд,
В-аз он хоб чанде суханҳо биронд.

Чу бишнид кӯдак зи Нӯшинравон,
Сараш пурсухан гашту гӯё забон.[3]

Чунин дод посух, ки «Дар хони ту
Миёни бутони шабистони ту

Яке марди барност, ки[4] хештан
Ба ороиши ҷома кардаст зан.

Зи бегона пардахт кун ҷойгоҳ,
Бад-ин ройи мо то наёбанд роҳ.

Бифармой, то пеши ту бугзаранд,
Пайи хештан бар замин бишмаранд.[5]

Бипурсем аз он носазои далер,
Ки чун андаромад ба болини шер.[6]

Зи бегона айвон-ш пардахт кард,
Дари кохи шоҳаншаҳӣ сахт кард.

Занони шабистони он шаҳрёр,
Бирафтанд пурбӯю рангу нигор.

---

1. И – Ки бодот ҳамвора давлат
2. И – Сипаҳдор
3. Л – б. 1043 нест.
4. Л – к-аз
5. И – биспаранд.
6. ТПЗ– Ниҳони ту бо Кирдгори ҷаҳон
Бувад рост, то хуб дидӣ ниҳон.

www.sattor.com

Суманбӯй хубони бонозу шарм
Ҳама пеши Кисро бирафтанд нарм.[1]

Надиданд аз ин сон касе дар миён,
Барошуфт Кисро чу шери жиён.

Гузоранда гуфт: «Ин на андарх(в)ар аст,
Ғуломе миёни занон-андар аст.[2]

Бараҳна дигарбора бугзорашон,
Ба жарфӣ нигаҳ дор бозорашон».

Бифармуд пас ходимонро, ки зуд
Бутонро саросар биёрад чу дуд.[3]

Чунин гуфт: «Рафтан ба афзун кунед,
Рух аз чодари шарм берун кунед.[4]

Дигарбора бар пеш бигзоштанд,
Гузорандаро чира[5] пиндоштанд.

Ғуломе падид омад андар миён
Ба болои сарву ба чеҳри[6] каён.

Танаш ларз-ларзон ба кирдори бед,
Дил аз ҷони ширин шуда[7] ноумед.

Канизак бад-он ҳуҷра ҳафтод буд,
Ки ҳар як ба тан сарви озод буд.

Яке духтари меҳтари Чоҷ буд,
Ба болой сарву ба рух оҷ буд.

---

1. И –б. 1049–1051; Л. – гарм.
2. ТПМ– Агар хобат, эй шоҳ, дидӣ дуруст,
Набояд гузориш зи ҳар гуна ҷуст.
3. И –б. 1055 нест.
4. Л –б. 1056 нест.
5. ИЛ – Ҳаме хобро хира
6. Л – зи тухми
7. И – шудаш

www.sattor.com

Ғуломи[1] суманпайкару[2] мушкбӯй.
Ба хони падар меҳрубон шуд[3] бад-ӯй.[4]

Ба сони яке банда бар пеши ӯ,
Ба ҳар ҷо, ки рафтӣ, будӣ хеши ӯ.[5]

Бипурсид аз ӯ шоҳ, к- «Ин мард кист,
Касе, к-ӯ чунин банда парвард, кист?

Чунин пургазанде[6] далеру ҷавон,
Миёни шабистони Нӯшинравон».[7]

Чунин гуфт зан, к- «Ӯ зи ман кеҳтар аст,
Ҷавон асту бо ман зи як модар аст.

Падармон ҷудо, модари мо якест,
Аз ӯ бар тани ман зи бад роҳ нест.[8]

Чунин[9] ҷома пӯшид, к-аз шарми шоҳ
Наёрист кардан ба рӯяш нигоҳ».

Баҳона чунин кард он моҳрӯй
Зи биму ниҳеби шаҳи меҳрҷӯй.

Бидонист, к-он гуфтани ӯст каж,
Дилаш з-оташи ғам баровард фаж.[10]

Бурӯ[11] пур зи чин кард Нӯшинравон,[12]
Шигифт омадаш кори ҳар ду ҷавон,

---

1. И – Ғуломе
2. Л – суманпайкари
3. ИЛ – буд
4. И – Пас аз б. 1062 ин б. омада:
Канизак варо бо худ оварда буд,
Чунин чарбдастӣ бароварда буд.
5. ИЛ –б. 1063 нест.
6. Л – баргузидӣ
7. И –б. 1065 нест.
8. ИЛ –б 1067 нест
9. И –Ҳамин
10. ТПЗИЛ – Бад-ӯ шоҳ гуфт: «Эй саги хоксор!
Биёлуда аз ту нажоду табор,
Бародар, ки аз ман напӯшид рӯй,
Зи шарми ту буд, ин баҳона маҷӯй!
11. И – Ба рӯ
12. И – гашт Нӯширвон,

www.sattor.com

Барошуфт, аз он пас ба дажхим гуфт,
Ки «Ин ҳар дуро хок бояд нуҳуфт».

Кушанда бибурд он ҷавонро давон
Паси пардаи шоҳ Нӯшинравон.

Баровехтшон дар шабистони шоҳ,
Бад-он то дигар кас наҷӯяд гуноҳ.[1]

Гузорандаи хобро бадра дод,
Зи аспу зи пӯшиш дилаш кард шод.[2]

Фурӯ монд аз он дониши ӯ шигифт,
Зи гуфтораш андешаҳо[3] баргирифт.

Набиштанд номаш ба девони шоҳ,
Бари мӯбадони намояндароҳ.

Фурӯзанда шуд кори Бузарҷмеҳр.
Бад ӯ чеҳр бинмуд гардонсипеҳр.

Ҳама рӯз рӯзаш фузун буд бахт,
Бад-ӯ шодмон буд дили шоҳ сахт.

Дили шоҳ Кисро пур аз дод буд,
Ба дониш дилу мағзаш обод буд.

Ба даргоҳ-дар мӯбадон доштӣ,
Зи ҳар донише бихрадон доштӣ,

Ҳамеша сухангӯи ҳафтод мард,
Ба даргоҳ будӣ ба хобу ба х(в)ард.

Ҳар он гаҳ ки пардахта гаштӣ зи кор,
Зи доду диҳиш в-аз маю корзор,

Зи ҳар мӯбаде нав сухан хостӣ,
Дили худ[4] ба дониш биёростӣ.

1. Л – Нагунсору пурхуну тан пургуноҳ; И – Нагунсор пурхуну дил пургуноҳ.
2. ИЛ – пӯшиданӣ баҳра дод.
3. Л – андозаҳо
4. ИЛ – Дилашро

www.sattor.com

Бад-он гоҳ[1] нав буд Бузарҷмеҳр,
Сарояндаву зираку хубчеҳр.

Чунон буд,[2] к-аз он номвар мӯбадон,
Ситорашиносону ҳам бихрадон

Ҳаме דониш омӯхту андаргузашт,[3]
Бар он файласуфон сарафроз гашт.

Ба рози ситора чу ӯ кас набуд,
Зи роҳи пизишкӣ зи кас пас набуд.

Ба тадбиру ороишу ройи нек,
Аз ӯ буд гуфтор ҳар ҷой нек.[4]

БАЗМИ НӮШИНРАВОН БО МӮБАДОН ВА ПАНД ГУФТАНИ БУЗАРҶМЕҲР

Чунон буд, ки як рӯз бинҳод хон,
Бифармуд, к-«Ин мӯбадонро бихон,

Ки бошанд донову донишпазир,
Сарояндаву боҳушу ёдгир.

Бирафтанд бедордил мӯбадон,
Зи ҳар донише розҷуста радон.

Чу нон хӯрда шуд, ҷоми май хостанд,
Ба май ҷони равшан биёростанд.[5]

Ба донандагон шоҳи бедор гуфт,
Ки «Дониш кушода кунед аз нуҳуфт.

Ҳар он кас, ки дорад ба дил донише,
Бигӯяд, маро з-ӯ бувад ромише».

1. Л – гаҳ ки
2. ИЛ–шуд,
3. Л– Ба дониш бар эшон ҳама баргузашт.
4. Л – б. 1088. 1089 нест.
5. И –б. 1090–1093 нест.
   ТПЗ – На чандон, ки ёбад накӯҳиш хирад,
   Бале, андмоя, ки ҷон парварад.

www.sattor.com

Аз эшон ҳар он кас, ки доно буданд,
Ба гуфтан далеру тавоно буданд,

Забон баркушоданд бар шаҳрёр,
Чу ӯ буд донандаро хостор.

Чу Бузарҷмеҳр он суханҳо шунид,
Ба дониш нигаҳ кардани шоҳ дид,

Яке офарин карду бар пой хост,
Чунин гуфт, к- «эй довари доду[1] рост,

Замин бандаи тахти оҷи[2] ту бод,
Фалак равшан аз фарри тоҷи[3] ту бод!

Гар эдун, ки фармон диҳӣ[4] бандаро,
Ки букшояд аз банд гӯяндаро,

Бигӯям, агарчанд бемояам,
Ба дониш-бар аз камтарин[5] пояам.

Накӯҳиш набошад, ки доно забон
Кушода кунад пеши Нӯшинравон».

Нигаҳ кард Кисро, ба donanda гуфт,
Ки «Дониш чаро монад[6] андар нуҳуфт?»

Ҷавон[7] бар забон подшоӣ намуд,
Зи гуфтори ӯ равшаноӣ фузуд.

Аз он хубгуфтору он пандҳо
Шуд он мӯбадонро ба дил бандҳо.

Нахустин чу аз банд букшод лаб,
Ба Яздон сутудан ҳунар дод лаб.[8]

---

1. Л–дод
2. Л – очтахти
3. Л – фарру бахти
4. Л – диҳад
5. Л –ин кеҳтарӣ
6. ИЛ – бояд
7. Л –Чу ӯ
8. ИЛ–б. 1106, 1107 нест.

www.sattor.com

Дигар гуфт: «Равшанравон он касе,
Ки кӯтоҳ гӯяд ба маънӣ басе.

Касеро,[1] ки мағзаш бувад бошитоб,
Фаровонсухан бошаду дерёб.

Чу гуфтори беҳуда бисёр гашт,
Сухангӯй дар мардумон[2] хор гашт.

Ҳунар ҷӯву тимори бешӣ мах(в)ар,
Ки гетӣ сипанҷ асту мо бар гузар.

Агар рӯзи мо пойдор омадӣ,
Ҷаҳонро басе хостор омадӣ.

Ба гетӣ беҳ аз мардумӣ кор нест,
Бад-ин бо ту дониш ба пайкор нест.

Ҳама равшанӣ[3] мардум аз ростист,
Зи торику кажжӣ бибояд гирист.[4]

Дили ҳар касе бандаи орзуст,
В-аз ӯ ҳар касе бо дигаргуна хӯст.

Ба хӯ ҳар касе дар ҷаҳон дигар аст,
Туро бо вай омезиш андарх(в)ар аст.

Ҳар он кас, ки дар кор пешӣ кунад,
Бикӯшад, ки[5] оҳанги бешӣ кунад,

Хирадманду донову хуррамниҳон,
Танаш з-ин ҷаҳон асту дил з-он ҷаҳон

Ба ноёфт ранҷа макун хештан,
Ки тимори ҷон бошаду ранҷи тан.

Зи нерӯ бувад мардро[6] ростӣ,
Зи сустӣ дурӯғ ояду костӣ.

---

1. И – Ҳар он кас
2. ИЛ –мардумӣ
3. И – Ҳаме дӯстӣ
4. ТП – Сари ростӣ дониши эзадист,
   Чу донистияш, з-ӯ натарсӣ, бадист.
5. Л – Ҳама рою
6. И – нерӯи мардум бувад

www.sattor.com

Зи дониш чу ҷони туро моя нест,
Беҳ аз хомушӣ ҳеҷ пероя нест.

Чу бар дониши хеш меҳр оварӣ,
Хирадро зи ту бугсилад доварӣ.

Тавонгар бувад, ҳар киро оз нест,
Хунук он касе, к-озаш анбоз нест.

Мадоро хирадро бародар бувад,
Хирад бар сари ҷон чу афсар бувад.

Чу доно туро душмани ҷон бувад,
Беҳ аз дӯстмарде, ки нодон бувад.

Тавонгар шуд он кас, ки хурсанд шуд,
Аз ӯ озу тимор дар банд шуд.

Ба омӯхтан чун фурӯтан шавӣ,
Суханро зи донандагон бишнавӣ.

Ба гуфтор агар хира шуд ройи мард,
Нагардад касе чира дар коркард.

Ҳар он кас, ки дониш фаромуш кунад,
Забонро зи гуфтор хомуш кунад.

Чу дорӣ ба даст-андарун хоста,
Зару симу аспони ороста,

Хазина чунон кун, ки бояд-т кард,
Набояд фишонду набояд фишард.[1]

Хирадманд, к-аз душманон дур гашт,
Тани душман ӯро чу муздур гашт.[2]

Чу дод аз тани хештан дод мард,
Чунон дон, ки пирӯз шуд дар набард

Магӯ он сухан, к-андар ӯ суд нест,
К-аз он оташат баҳра ҷуз дуд нест.

---

1. И –б. 1130, 1131 нест.
2. ТПЗ – Миёна гузинӣ, бимонӣ ба ҷой,
Набошад ҷуз аз некият раҳнамой.

www.sattor.com

Маяндеш аз он, к-он нашояд будан,
Ки натвонӣ оҳан ба об ожадан.[1]

Фурӯтан бувад шаҳ,[2] ки доно бувад,
Ба дониш бузургу тавоно бувад.

Ҳар он кас, ки ӯ кардаи кирдгор
Бидонад, гузашт аз бади рӯзгор.

Парастидани довар афзун кунад,
Зи дил ковиши дев берун кунад.

Бипарҳезад, аз ҳар чӣ нокарданист,
Наёзорад онро, ки нозурданист.[3]

Ба Яздон гароем фарҷоми кор,
Ки рӯзидеҳ ӯясту парвардгор.»

Аз он хубгуфтори Бузарҷмеҳр
Ҳакимон ҳама тоза карданд[4] чеҳр.

Аз ӯ анҷуман монда андар шигифт,
Ки марди ҷавон он бузургӣ гирифт.

Ҷаҳондор Кисро дар ӯ хира монд,
Сарафроз рӯзидеҳонро бихонд.

Бифармуд, то номи ӯ сар кунанд,
Бад-он гаҳ ки оғози дафтар кунанд.

Миёни меҳон бахти Бузарҷмеҳр
Чу хуршеди тобанда шуд бар сипеҳр.

Зи пеши шаҳаншоҳ бархостанд,
Бар ӯ офарини нав оростанд.

Ба пурсиш гирифтанд аз ӯ, он чи гуфт,
Ки мағзу дилаш бо хирад буд ҷуфт.[5]

---

1. ИЛ –озадан.
2. И –шоҳ,
3. Л –б. 1138, 1139 нест.
4. И – баркушоданд
5. Л –б. 1146, 1147 нест;
   ТПЗИ – Дигарбора мӯбад ба пурсиш гирифт,
   Ҳама бихрадон монда андар шигифт.

www.sattor.com

Забон бозбукшод марди ҷавон,
Ки покизадил буду равшанравон.[1]

Чунин гуфт, к- «Аз хусрави додгар
Напечид бояд ба андеша сар,

Ки ӯ чун шубон асту мо гӯспанд,
В-агар мо замин, ӯ сипеҳри баланд.

Нашояд гузаштан зи паймони ӯй,
Напечидан аз роҳу[2] фармони ӯй.

Ба шодиш бояд, ки бошем шод,
Чу доди замона бихоҳем дод.[3]

Ҳунарҳош густурдан андар ҷаҳон,
Ҳама рози ӯ доштан дар ниҳон.

Машав бо гиромиш кардан далер,
К-аз оташ битарсад дили наррашер.

Агар кӯҳ фармон-ш гирад сабук,
Дилаш хира хонему[4] мағзаш тунук.

Ҳама бад зи шоҳ асту некӣ зи шоҳ,
К-аз ӯ банду чоҳ асту з-ӯ тоҷу гоҳ.[5]

Сари тоҷвар зери фармон бувад,
Хирадманд аз ӯ шоду хандон бувад.

Аз Оҳарман аст, он ки з-ӯ шод нест,
Дилу мағзаш аз дониш обод нест».

Шуниданд гуфтори марди ҷавон,
Фузун гашт фартутро з-ӯ равон.

Пароканда гаштанд аз он[6] анҷуман
Пур аз офарин з-ӯ забону даҳан.

---

1. Л – покизаҷон.
2. Л – рою
3. И – б. 1151–1152 нест.
4. И – донему
5. ТПЗ – Зи меҳраш ҷаҳонро бувад арҷу фар,
Зи хашмаш бичӯшад ба тан-дар ҷигар.
6. И – з-он; Л – гашт он бузург

www.sattor.com

БАЗМИ ДУВУМИ ШОҲ НӮШИНРАВОН БО БУЗАРҶМЕҲР ВА МӮБАДОН

Дигар ҳафта равшан дили шаҳрёр,
Ҳаме буд донандаро хостор.

Дил аз кори[1] гетӣ ба як сӯ кашид,
Куҷо хост гуфтори доно шунид.

Касе, к-ӯ сазовортар гоҳ буд,
Ба донандагӣ дархури шоҳ буд,

Бирафтанд донандагони сухан,
Ҷавону ҷаҳондида марди куҳан.

Сарафроз Бузарҷмеҳри ҷавон
Бишуд бо ҳакимони равшанравон.[2]

Ҳакимони донандаву ҳушманд
Расиданд[3] наздики тахти баланд,

Ниҳоданд сар[4] сӯи Бузарҷмеҳр,
Ки Кисро ҳаме з-ӯ барафрӯхт чеҳр.

Аз эшон яке буд фарзонатар,
Бипурсид аз ӯ аз қазову қадар,

Ки фарҷому анҷоми[5] чунин сухун
Чи гунаст в-ин бар чӣ ояд ба[6] бун?

Чунин дод посух, ки «Ҷӯяндамард
Ҷавону шабу рӯз бо коркард.

Бувад роҳи рӯзӣ бар ӯ тору танг,
Ба ҷӯй- андарун оби ӯ бодранг.

Яке беҳунар хуфта бар тахти бахт,
Ҳаме гул фишонад бар ӯ-бар дарахт.

1. Л – Дили шоҳи
2. Л –б. 1164, 1165 нест.
3. И – Нишастанд
4. ИЛ – рух
5. Л –анҷому фарҷоми
6. Л - в-инро кӣ афканд

www.sattor.com

Ҷаҳондори донову парвардгор
Чунин офарид ахтари рӯзгор».

Чунин аст расми қазову қадар,
Зи бахшиш наёбӣ ба кӯшиш гузар.

Дигар гуфт: «Он кас, ки рӯзипур аст,
Кадом асту бешӣ киро дархур аст?»

Чунин гуфт, к- «Он кас, ки кӯшандатар,
Ба некиву кирдораш ояд ба бар».[1]

Дигар гуфт, к- «Аз мо чӣ некӯтар аст,
Зи гетӣ киро некуӣ дарх(в)ар аст?»

Чунин дод посух, ки «Оҳистагӣ,
Каримиву родиву шоистагӣ.

Фурӯтан кунад гардани хеш паст,
Бубахшад, на аз баҳри подош даст.

Бикӯшад, ба кӯшиш биҷӯяд ҷаҳон,
Хиромад ба ҳангом бо ҳамраҳон».

Дигар гуфт, к- «Андар хирадманд мард
Ҳунар чист ҳангоми нангу набард?»

Чунин гуфт: «Он кас, ки оҳуи хеш
Бубинад, бигардонад оину кеш».

Бипурсид дигар, ки «Дар зистан
Чӣ созӣ,[2] ки камтар бувад ранҷи тан»?

Чунин дод посух, ки «Гар бохирад
Дилаш бурдбор аст, ромиш барад.

Ба доду ситад-дар кунад ростӣ,
Бубандад дари каҷживу костӣ.

1. Л – б. 1175–1176 нест.
2. И – донӣ

www.sattor.com

Бубахшад гунаҳ, чун бувад комгор,
Набошад сараш тезу[1] нобурдбор».[2]

Бипурсид дигар, ки «Бар анҷуман
Нигаҳбон кадом аст бар хештан?[3]

Чунин гуфт, к- «Он, к-аз паси орзу
Нарафт аз кариммиву аз нек хӯ.

Дигар, к-ӯ ба сустӣ нашуд пешкор,
Чу дид аз фузуни бади рӯзгор».

Дигар гуфт, к- «Аз бахшишу нек хӯй
Кадом аст некӯтар аз ҳар ду сӯй?

Куҷо аз ду гетиш бор оварад,
Ба соле ду бораш баҳор оварад?»

Чунин гуфт, к- «Он кас, ки нохоста
Ба бахшиш кунад ҷон[4] ороста.

В-агар бар ситонанда дорад сипос,
Зи бахшанда бозоргонӣ шинос».

Дигар гуфт: «Бар мард пироя чист,
В-аз ин некуиҳо гаронмоя чист?»

Чунин дод посух, ки «Бахшанда мард,
Ки ӯ некуӣ бо сазовор кард,

Биболад ба кирдори сарви баланд,
Чу болид, ҳаргиз нагардад нажанд.

Агар носазоро нишонад ба мушк,
Набӯяд, нарӯяд гул аз хори хушк».

Дигар гуфт, к- «Андар сарои сипанҷ
Набошад хирадманд бедарду ранҷ.

1. И – тунду
2. Л – тира бо рӯзгор.
3. И – б. 1187 нест.
4. ИЛ – ҷонаш

www.sattor.com

Чӣ созем, то номи нек оварем,
В-аз оғоз фарҷоми нек оварем»?

Бад-ӯ гуфт: «Шав,[1] дур бош аз гуноҳ,
Ҷаҳонро ҳама чун тани хеш хоҳ.

Ҳар он чиз, к-онат набошад писанд,
Тани хешу душман бад-он дармабанд».

Дигар гуфт: «Кӯшиш ба андозу беш
Чӣ гӯӣ, к-аз он ду кадом аст пеш?»

Чунин дод посух, ки «Андар хирад
Ҷуз андеша чизе на андархурад.

Чу хоҳӣ ки ранҷе ба бор оядат,
Бикӯшӣ, чу дар пеш[2] кор оядат».

«Сазои ситоиш, - дигар гуфт,– кист,
Агар барнакӯҳида бояд гирист?»

Чунин гуфт, к- «Он, ки[3] ба Яздони пок
Фузун дорад уммеду ҳам тарсу бок».

Дигар гуфт, к- «Эй марди равшанхирад,
Ки сар-т аз бари чарх мебигзарад,[4]

Кадом аст хуштар варо рӯзгор
Аз ин баршуда чархи нопойдор?»

Сухангӯй посух чунин дод[5] боз,
Ки «Ҳар кас, ки гашт[6] эмину[7] бениёз,

Замона ба хубӣ варо дод дод,
Сазад, гар нагирад ҷуз аз дод ёд».

1. ИЛ – Рав,
2. Л – Зи кӯшиш ба хубӣ ба
3. ИЛ – к-ӯ
4. Л – Ҷуз андеша чизе на андархӯрад,
5. И – Чунин дод посух сухангӯй
6. И – ҳаст
7. Л – эмин шуду

www.sattor.com

Бипурсид дигар, ки «Дониш кадом
Ба гетӣ, ки бошем аз ӯ[1] шодком?»

Чунин гуфт, к-«Он, к-ӯ бувад бурдбор,
Ба наздики ӯ марди бешарм хор.

Дигар он, ки мағзаш бичӯшад зи хашм,
Бихобад ба хашм аз гунаҳгор чашм».

Дигар гуфт, к- «Он чист, эй ҳушманд,
Ки ояд хирадмандро з-ӯ[2] писанд?»

Чунин гуфт, к-«Он, к-ӯ хирад парварад,
Надорад ғами он, ки з-ӯ бугзарад.

В-агар арҷманде супорад ба хок,
Бубандад дил андар ғаму дарду бок.

Дигар,[3] к-ӯ зи нобуданиҳо умед
Чунон бугсилад ҳамчу аз бод бед».[4]

Дигар гуфт: «Бад чист бар подшо,
К-аз ӯ тира гардад дили порсо?»

Чунин дод посух, ки «Бар шаҳрёр
Хирадманд гӯяд, ки оҳу чаҳор:

Яке он, ки тарсад зи душман ба ҷанг,
Ва дигар, ки дорад дили бахш танг.

Се дигар, ки ройи хирадманд мард
Ба як сӯ ниҳад рӯзи нангу набард.

Чаҳорум, ки дорад[5] сараш пуршитоб,
Наҷӯяд ба кор- андар орому хоб».

Бипурсид дигар, ки «Беайб кист,
Накӯҳидан озодагонро ба чист?»

---

1. Л – он
2. И – он
3. Л – Ҳар он
4. ТП – Ҳамеша бувад шоду хуррамравон,
Беандӯҳ бошад зи гашти замон.
5. ИЛ – бошад

www.sattor.com

Чунин гуфт, к- «Инро бигӯем рост,
Куҷо з-ӯ хирад бар сухан-бар гувост.

Гаронмоягонро фусуну дурӯғ,
Ба кажживу[1] бедор ҷустан фурӯғ,

Маниш бастану ком бар подшо,
Ба беҳуда хастан дили порсо.[2]

Нишона[3] бувад мард, кундоварӣ,
Накӯҳиш куну[4] сар пур аз доварӣ».

Дигар гуфт, к- «Он, к-ӯ наҷӯяд газанд,
Зи хӯҳо кадомаш бувад судманд?»

Чунин гуфт, к-«Он, к-ӯ бувад ростгӯй,
Бар ӯ рост бошад ҳама ройи ӯй.[5]

Забон рондану дида бе оби шарм,
Гузидан хурӯш андар овои нарм.

Хирадманд беҳ к-ӯ надорад раво,
Хирад дур кардан зи баҳри ҳаво».

Бипурсид дигар яке ҳушманд,
Ки «Андар ҷаҳон чист, к-ӯ бегазанд[6]

Биёзад ба тадбиру ҷон парварад,
В-аз ӯ хешу пайванди ӯ бар х(в)арад?»[7]

Чунин дод посух, ки «Кор аз нахуст[8]
Ба наздики Яздон бибояд-ш ҷуст.[9]

К-аз ӯят сипосу бад-ӯят паноҳ,
Худованди рӯзу шабу ҳуру моҳ.

1. Л – кину ба
2. Л–б. 1226 нест.
3. ИЛ – Миёна
4. ИЛ –к-аз ӯ
5. И –б. 1228, 1229 нест; Л – б. 1229 нсст.
6. И – он судманд
7. И –6.1233 нест.
8. И –варо марди дод,
9. И – Ки он бегазанд асту пирузӯ шод.

www.sattor.com

Дили хешро ошкору ниҳон
Супурдан ба фармони шоҳи ҷаҳон.

Тани хешро парваридан ба ноз,
Бар ӯ сахт бастан дари ранҷу оз.[1]

Нигаҳ доштан мардуми хешро,
Барафзудани тӯша дарвешро.

Супурдан ба фарҳанг фарзанди хурд,
Ки гетӣ ба нодон набояд супурд.

Чу фармонпазиранда бошад писар,
Навозанда бояд, ки бошад падар».

Бипурсид дигар: «Зи[2] фарзанди рост
Ба назди падар-ҷойгоҳаш куҷост?»

Чунин дод посух, ки «Назди падар
Гиромӣ чу ҷон аст фаррухписар.

Пас аз марг номаш бидорад[3] ба ҷой,
Азеро писар хонадаш раҳнамой».

Бипурсид дигар, ки «Аз хоста
Чӣ донӣ, ки дорад дил ороста?»

Чунин дод посух, ки «Мардум ба чиз
Гиромист, бечиз хор аст низ.[4]

Нахуст он ки ёбӣ бад-ӯ орзу,
Зи ҳастиш пайдо шавад некхӯ.

Ва дигар чу ёбӣ, наёрӣ ба кор,
Ҳамон сангу он гавҳари шоҳвор».

Дигар гуфт: «Бо тоҷу номи баланд
Киро хонӣ аз хусравон судманд?»,[5]

---

1. И– 1237 нест.
2. ИЛ – ки
3. ИЛ – бимонад
4. ТПЗ – Дар ӯ чанд чиз аст баста дуруст,
Нигар, то надорӣ сухан хору суст.
5. И – донӣ аз хусравон арчманд?»

www.sattor.com

Чунин дод посух, ки «Он шаҳрёр,
Ки эмин аз ӯ[1] марди парҳезгор,

Зи овози ӯ бад ҳаросон шавад,
Замин зери тахташ таносон шавад».

Дигар гуфт: «Мардум тавонгар ба чист,
Ба гетӣ пур аз ранҷу дарвеш кист?»

Чунин гуфт, к- «Он кас, ки ҳасташ писанд,
Ба бахши Худованди чархи баланд,[2]

Касеро куҷо бахт анбоз нест,
Баде дар ҷаҳон бадтар аз оз нест».

Аз ӯ[3] номдорон фурӯ монданд,
Ҳама ҳамзабон[4] офарин хонданд.

БАЗМИ СЕВУМИ НӮШИРВОН БО БУЗАРҶМЕҲР ВА МӮБАДОН

Чу як ҳафта бугзашт, ҳаштум пагоҳ
Нишаст аз бари гоҳ[5] пирӯз шоҳ.

Бихонд он касеро,[6] ки доно буданд,
Ба гуфтору дониш тавоно буданд.

Бигуфтанд ҳар гунае ҳар касе,
Ҳамоно писандаш наёмад басе.

Чунин гуфт Кисро ба Бузарҷмеҳр,
Ки «Аз чодари шарм букшой чеҳр».

Сухангӯи доно забон баркушод,
Зи ҳар гуна дониш ҳаме кард ёд.

---

1. ИЛ – бувад
2. И – Пас аз б.1252 б. зерин омада:
   Дигар он ки давлат варо ёр нест,
   Варо дар ҷаҳон ҳеҷ бозор нест.
3. И – он
4. И – як ба як
5. ИЛ–тахт
6. И – касонро,

www.sattor.com

Нахуст офарин кард бар шаҳрёр,
Ки «Пирӯз бодо сари тоҷдор![1]»

Дигар гуфт: «Мардум нагардад баланд,
Магар сар бупечад зи роҳи газанд,

Чу бояд, ки дониш бияфзоядат,
Сухан ёфтанро хирад боядат.

Дари ном ҷустан далерӣ бувад,
Замона зи баддил ба серӣ бувад.[2]

В-агар тахт ҷӯӣ, ҳунар боядат,
Чу сабзӣ диҳад шох, бар боядат.

Чу пурсанд пурсандагон аз ҳунар,
Нашояд, ки посух диҳӣ аз гуҳар.

Гуҳар бе ҳунар нописанд асту хор,
Бар ин достон зад яке шаҳрёр,

Ки гар гул набӯяд, зи рангаш магӯй,
К-аз оташ начӯяд касе оби ҷӯй.

Тавонгар ба бахшиш бувад шаҳрёр,
Ба ганҷи нуҳуфта наӣ[3] номдор.[4]

Ба гуфтори хуб, ар гуҳар,[5] хостӣ,
Ба кирдор пайдо кун он[6] ростӣ.

Фурӯтан бувад, ҳар кӣ дорад хирад,
Сипеҳраш ҳаме дар хирад парварад.

Чунин ҳам бувад мардуми содадил,
Зи кажжиш баргардад озодадил.

---

1. ТП – Ҷаҳонгиру шеравжану номдор,
   Тавонову донову парҳезкор.
2. ТП – Чу баддил бувад мард, беком монд,
   Чу баддил нашуд, дар ҷаҳон ком ронд.
3. И –нашуд
4. Л –б. 1267, 1268 нест.
5. И –ҳунар
6. И – бувад

www.sattor.com

Хирад дар ҷаҳон чун дарахти вафост,
В-аз ӯ бар нахустин дили подшост.

Чу хурсанд бошӣ, таносон шавӣ,
Чу оз оварӣ, з-ӯ ҳаросон шавӣ.

Макун некмардӣ ба рӯи касе,
Ки подоши некӣ наёбӣ басе.

Кушодадилонро бувад бахт ёр,
Анӯша касе, к-ӯ бувад бурдбор.

Ҳар он кас, ки ҷӯяд ҳаме бартарӣ,
Ҳунарҳо бибояд бад-ин доварӣ.

Яке рою фарҳанг бояд нахуст,
Дувум озмоиш бибояд дуруст.

Севум ёр бояд-т ҳангоми кор,
Зи ҳар неку ҳар бад гирифтан шумор.

Чаҳорум дилат бояду ростӣ,
Бишустан дил аз кажживу костӣ.[1]

Ба панҷум гарат зӯрмандӣ бувад,
Ба тан кӯшиш орӣ, баландӣ бувад.[2]

Чу кӯшиш наёрад тани зӯрманд,
Наёрад сари орзуҳо ба банд.

Чу кӯшиш зи андоза андаргузашт,
Чунон дон, ки кӯшанда навмед гашт.

Хӯи марди доно бигӯем панҷ,
В-аз ин панҷ ҳаргиз набошад-т[3] ранҷ.

Чу нодон кунад хӯй бо ҳафт чиз,
Набошад шигифт, ар ба ранҷ аст низ.

---

1. ИЛ – Чаҳорум* чу ёрат бувад нексоз,
Бар ӯ – бар ҳам он гоҳат** ояд ниёз.
* И – Ваз он. ** И – ба рӯзе ба ҳангомат сухун?
2. ТПЗИЛ – Аз ин ҳар ду чун ҷуфт гардад сухун,
Ҳунар хира бе озмоиш макун.
3. ИЛ – одат набошад ба

www.sattor.com

Нахуст он ки ҳар кас, ки дорад хирад,
Надорад ғами он, к-аз ӯ бугзарад.

На шодӣ кунад, з-он, ки ноёфта,
На гар бугзарад, з-ӯ бувад тофта.

Ба нобуданиҳо надорад умед,
Нагӯяд, ки бор оварад шохи бед.

Чу аз ранҷу аз бад тан осон шавад,
Зи нобуданиҳо ҳаросон шавад.[1]

Чу сахтиш пеш ояд аз ҳар шумор,
Шавад пешу сустӣ наёрад ба кор.

Зи нодон, ки гуфтем, ҳафт аст роҳ,
Яке он ки хашм оварад бегуноҳ,

Кушояд дари ганҷ бар носазо,
На з-он музд ёбад, на ҳаргиз ҷазо.

Се дигар ба Яздон шавад[2] носипос,
Тани хешро дар ниҳон ношинос.[3]

Чаҳорум, ки бо ҳар касе рози хеш
Бигӯяд, барафрозад овози хеш.

Ба панҷум, ба гуфтори носудманд,
Тани хеш дорад ба дарду[4] газанд.

Шашум, гардад эмин ба ноустувор,
Ҳаме парниён ҷӯяд аз хор бор.

Ба ҳафтум, ки бистеҳад андар дурӯғ,
Ба бешармӣ- андар биҷӯяд фурӯғ.

Чунон дон, ту, эй шаҳрёри баланд,
Ки аз панд кас барнагирад газанд.

1. И – б. 1287, 1288 нест.
2. ИЛ – бувад
3. Л – Набошад хирадманду яздоншинос.
4. И –ранчу

www.sattor.com

Чу бар анҷуман мард хомуш бувад,
Аз он хомушӣ дил ба ромиш бувад.

Супурдан ба донои гӯянда гӯш,
Ба тан тӯша ёбӣ, ба дил рою ҳуш.

Шунида суханҳо фаромуш макун,
Ки тоҷ аст бар тахти шоҳӣ сухун.

Чу хоҳӣ, ки дониста ояд ба бар,
Ба гуфтор букшой банд аз гуҳар.

Чу густурда хоҳӣ ба ҳар ҷой ном,
Забон баркашӣ чун ҳисом[1] аз наём.

Чу бо марди нодон-т[2] бошад нишаст,
Забардаст гардад сари[3] зердаст.

Ба дониш бувад ҷону дилро фурӯғ,
Нигар, то нагардӣ ба гирди дурӯғ.

Сухангӯй чун баркушояд сухун,
Бимон, то бигӯяд, ту тундӣ макун,

Зи гуфтори доно тавоно шавӣ,
Бигӯӣ бар ин сон, к-аз ӯ бишнавӣ.

Зи дониш дари бениёзӣ биҷӯй,
В-агарчанд сахтит ояд ба рӯй.[4]

Забонро чу бо дил бувад ростӣ,
Бубандад зи ҳар сӯ дари[5] костӣ.

Ҳамеша дили шоҳ Нӯшинравон
Мабодо зи омӯхтан нотавон.»

Бипурсид пас мӯбади тезмағз,
Ки «Андар ҷаҳон чист зебову нағз,

---

1. ИЛ – ҳамчу теғ
2. И –донанда
3. И – тани
4. ТП – Ки дониш ба сахтӣ чу ояд ба даст,
   Ба осоният раҳнамо пеш ҳаст.
5. И –дари кажживу

www.sattor.com

Кучо мардро рӯшноӣ диҳад,
Зи ранҷи замона раҳоӣ диҳад?»

Чунин дод посух, ки «Ҳар к-ӯ хирад
Биёбад, зи ҳар ду ҷаҳон бар хурад».

Бад-ӯ гуфт: «Агар несташ бихрадӣ,
Хирад хилъати равшан аст эзадӣ».

Чунин дод посух, ки «Дониш беҳ аст,
Чу доно бувад, бар меҳон-бар меҳ аст».

Бад-ӯ гуфт: «Агар роҳи дониш наҷуст,
Бад-ин об ҳаргиз равонро нашуст».

Чунин дод посух, ки «бо марди гурд
Сари[1] хешро хор бояд шумурд.

Агар тов дорад ба рӯзи набард,
Сари бадсигол андарорад ба гард.

Гиромӣ шавад бар дили подшо,
Бувад ҷовидон шоду фармонраво».[2]

Бад-ӯ гуфт: «Гар[3] несташ баҳра з-ин,
На дониш пажӯҳад, на оину дин».

Бад-ӯ[4] дод посух, ки «Он беҳ, ки марг
Ниҳад бар сари ӯ[5] яке тира тарг».

Бад-ӯ гуфт, к- «Аз бори он мевадор,
Ки доно бикорад ба боғи баҳор,

Чӣ созем, то ҳар касе бар х(в)арем,
В-агар сояи ӯ ба пай биспарем?»

Чунин дод посух, ки «Ҳар, к-ӯ забон
Зи бад баста дорад, наранҷад равон.

1. И–Тани
2. Л –6. 1314–1318 нест.
3. ИЛ – Агар
4. ИЛ – Чунин
5. И – сараш-бар

www.sattor.com

Касеро надаррад ба гуфтор пӯст,
Бувад бар дили анҷуман низ дӯст.

Ҳама кори душвораш осон шавад,
Або душману дӯст яксон шавад».

Дигар гуфт: «Ҳар[1], к-ӯ зи роҳи газанд
Бигардад, бузург аст, гар[2] арҷманд?»

Чунин дод посух, ки «Кирдори бад
Ба сони дарахтест пур[3] бори бад.

Агар нарм гӯяд забони касе,
Дуруштӣ ба гӯшаш наёяд басе.

Бидон, к-аз забон аст мардум ба ранҷ,
Чу ранҷиш нахоҳӣ, суханро бисанҷ.

Ҳамон камсухан марди хусравпараст,
Ҷуз аз пешгоҳаш нашояд нишаст.

Дигар, к-аз бадиҳои ноомада
Гурезад чу аз дом[4] мурғу дада.

Се дигар, ки бар бад тавоно бувад,
Бипарҳезаду вижа доно бувад.

Наёзад ба коре, ки нокарданист,
Наёзорад онро, ки н-озурданист.

Намонад, ки некӣ[5] бар ӯ бугзарад,
Пайи рӯзи ноомада[6] нашмарад.

Зи душман, зи нахчир ожиртар,
Бари дӯст пайваста чун тиру пар.

1. И – Бипурсид, к-он к-ӯ
2. И – ё
3. Л – бо
4. И – ба кирдори
5. Л – Бимонад, ки гетӣ
6. Л – Бади н-омада рӯзро

www.sattor.com

Зи шодӣ, ки фарҷоми ӯ ғам бувад,
Хирадмандро ози он[1] кам бувад.

Таносоиву коҳилӣ дур кун,
Бикӯшу зи ранҷи танат сур кун,

Ки андар ҷаҳон суд беранҷ нест,
Ҳам онро, ки коҳил бувад, ганҷ нест.

Ҷаҳон зинда бодо ба Нӯшинравон,
Ҳамеша ҷаҳондору давлатҷавон».

Аз ин бора гуфтор бисёр гашт,
Дили мардуми хуфта бедор гашт.[2]

Бар ӯ хонданд офарин мӯбадон,
Кунорангу[3] бедордил бихрадон.

Ситуданд шоҳи ҷаҳонро басе,
Бирафтанд бо хуррамӣ ҳар касе.

БАЗМИ ЧАҲОРУМИ НӮШИНРАВОН БО БУЗАРҶМЕҲР ВА МӮБАДОН

Ду ҳафта бар ин низ бугзашту шоҳ
Бипардахт рӯзе зи кори сипоҳ.

Бифармуд, то мӯбадону радон
Ба айвон хироманд бо бихрадон.

Бипурсидашон аз тану аз нажод,
Зи тезиву ороому фарҳангу дод.

Зи шоҳиву аз тоҷу кундоварӣ,
Зи анҷому фарҷоми некахтарӣ.

Сухан кард аз он мӯбадон хостор,
Ба пурсиш гирифт, он чи омад ба кор.

1. Л – он зиён
2. ИЛ – б. 1340 нест.
3. И – Бузургону

www.sattor.com

Чу ҳар кас ба андозаи донишаш
Сухан ронду н-омад аз он ромишаш.[1]

Ба Бузарҷмеҳр он замон шоҳ гуфт,
Ки «Рахшанда гавҳар барор аз нуҳуфт».

Яке офарин кард Бузарҷмеҳр,
Ки «Эй шоҳи равшандилу покмеҳр,[2]

Чунон дон, ки андар ҷаҳон низ шоҳ
Яке чун ту нанҳода[3] бар сар кулоҳ.

Ба доду ба дониш, ба тоҷу ба тахт,[4]
Ба фарру ба чеҳру ба рою ба бахт,[5]

Чу парҳезгорӣ кунад шаҳрёр,
Чӣ некӯст парҳез бо тоҷдор![6]

Зи Яздон битарсад гаҳи доварӣ,
Наҷӯяд баландиву кундоварӣ.

Хирадро кунад подшо бар ҳаво,
Бад-он гаҳ, ки хашм оварад подшо.

Набояд, ки андешаи шаҳрёр
Бувад ҷуз писандидаи Кирдгор.

Зи Яздон шиносад ҳама хубу зишт,
Ба подоши некӣ биҷӯяд[7] биҳишт.

Забон ростгӯю дил озармҷӯй,
Ҳамеша ҷаҳондору вообрӯй.

1. ИЛ –б. 1348 нест.
2. И-некахтари хубчеҳр; Л-равшандили покчеҳр.
3. ИЛ – нанҳод
4. И – рою ба бахт,
5. И – дайҳиму тахт.
6. ТПЗ – Зи нокарданӣ кор бартофтан,
Беҳ аз дил ба андӯҳ ғам ёфтан.
Чи некӯ зад ин достон ҳушёр,
Ки некӯст парҳез бо шаҳрёр.
7. И – Биёбад ба подош хуррам

www.sattor.com

Беҳ аз ростӣ дар ҷаҳон кор нест,
Аз ин беҳ гуҳар бо ҷаҳондор нест.[1]

Сухангӯю равшандилу доддеҳ,
Кеҳонро ба кеҳдораду меҳ ба меҳ.[2]

Касе, к-ӯ бувад шоҳро[3] зердаст,
Набояд, ки ёбад зи ҷое шикаст.

Бад-он гаҳ шавад тоҷи хусрав баланд,
Ки доно бувад назди ӯ арҷманд.[4]

Чу дорад зи ҳар донише огаҳӣ,
Бимонад ҷаҳондор бо фарраҳӣ.[5]

Нигаҳ доштан кори даргоҳро,
Ба заҳр ожадан коми бадхоҳро.

Набояд, ки хуспад касе дардманд,
Ки ояд магар шоҳро з-он газанд.

Касе, к-ӯ ба бодафра андарх(в)ар[6] аст,
Куҷо баднажод асту бадгавҳар[7] аст,

Кунад шоҳ дур аз миёни гурӯҳ
Беозор, то з-ӯ нагардад сутӯҳ.

Ҳар он кас, ки бошад ба зиндони шоҳ,
Гунаҳгор, агар мардуми бегуноҳ,

Ба фармони Яздон бибояд кушод,
Ба Занду ба Уст он чи кардаст ёд.

---

1. Л – б. 1359 нест.
2. И – б. 1360 нест.
3. И– Ҳар он кас, ки бошад ба кас
4. ТПЗ – Ба нодон агар хеҷ рой оварад,
   Сари тахти худ зери пой оварад,
   Ки нодон зи дониш гурезад ҳаме,
   Ба нодонӣ- андар ситезад хаме.
5. И – б. 1363 нест.
6. Л – ба бодафраи Эзад
7. Л – нобихрад

www.sattor.com

В-агар бадкуниш бошаду шӯху шум,
Бипардахт бояд аз ӯ рӯи бум,

Ки то рӯзи вожун бар ӯ нагзарад,
Табоҳӣ сӯи хони мардум барад.

Ҷаҳондор бояд, ки аз дину дод
Бувад дар ҷаҳон то бувад шоҳ, шод.[1]

Бувад кори ӯ ошкору ниҳон,
Ба теғ аз бади дев шустан ҷаҳон.[2]

Чу хусрав[3] ба фарҳанг дорад сипоҳ,
Баросояд аз дарди фарёдхоҳ.

Чу ожир бошӣ зи душман ба рой,
Бадандешро дил барояд зи ҷой.

Ҳама рахнаи подшоҳӣ ба мард
Барорӣ ба ҳангом пеш аз набард.

Зи чизе, ки гардад накӯҳида шоҳ,
Накӯҳиш бувад низ бар тоҷу[4] гоҳ.

Фузудан ба фарзанд бар меҳри хеш,
Чу дар об дидан бувад чеҳри хеш.[5]

Зи фарҳангу аз дониш омӯхтан
Сазад, гар дилаш ёбад афрӯхтан.

Кушодан бар ӯ-бар дари ганҷи хеш,
Набояд, ки ёд оварад ранҷи хеш.

Ҳар он гаҳ ки дорад[6] ба бедод даст,
Дили шоҳбачча набояд шикаст.

1. ИЛ –б. 1370–1372 нест.
2. И-б. 1373 нест.
3. Л – Сипаҳбад
4. Л – фарру
5. ТПЗЛ – Аз ӯ дур гаштан ба рағми ҳаво,*
Хирадро бар он кор кардан гуво.**
*Л–пур аз ғам равон: ** Л–рой кардан навон.
6. Л – ёзад

www.sattor.com

Ба озарм бозорияш боз роҳ,
Бар ӯ танг дорӣ зи бун дастгоҳ.

В-агар душманӣ ёбӣ, андар дилаш
Хаве бошад, аз бӯстон бугсилаш.

Агар дер монад, банерӯ шавад,
В-аз ӯ боғи шоҳӣ пуроҳу шавад.

Чу бошад ҷаҳонҷӯй бо фарру ҳуш,[1]
Набояд, ки дорад ба бадгӯй гӯш.[2]

Зи дастури бадгавҳару гуфти[3] бад
Табоҳӣ ба дайҳиму[4] шоҳӣ расад.

Набояд шунидан зи нодон сухун,
Чу бад гӯяд аз дод, фармон макун.[5]

Ҳама ростӣ бояд оростан,
Зи каҷжӣ дили хеш перостан.

Зи шоҳи ҷаҳондор ҷуз ростӣ
Назебад,[6] ки дев оварад костӣ.

Чу ин гуфтаҳо бишнавад порсо,[7]
Хирадро кунад бар дилаш подшо.[8]

Кунад офарин тоҷ бар шаҳрёр,
Шавад тахти шоҳӣ бар ӯ[9] пойдор.

Бинозад бад-ӯ тоҷи шоҳиву тахт,
Бадандеш навмед гардад зи бахт.

---

1. Л – ҷаҳонҷӯйро фарру бурз,
2. Л – ёзад ба теғу ба гурз;
   ТПЗЛ– Чу бар бадкуниш даст гардад дароз,
   Ба хун ҷуз ба фармони Яздон матоз.
3. Л – ҷуфти
4. Л–дайҳими
5. И – Бибояд шунидан зи гӯё сухун,
   Чу бад гӯяд, ӯро ту фармон макун.
6. И – Набояд
7. И – подшо,
8. И – ӯ гуво.
9. И - варо

www.sattor.com

Чу баргардад ин чархи нопойдор,
Аз ӯ номи неке[1] бувад[2] ёдгор.

Бимонод то рӯз, монад ҷавон
Ҳунарёфта ҷони[3] Нӯшинравон».

1395 Зи гуфтори ӯ анҷуман хира гашт,
Ҳама ройи донандагон тира гашт.

Чу Нӯшинравон он суханҳо шунуд,
Ба рӯзиш чандон ки буд[4], барфузуд.

Даҳонаш пур аз дурри хуш-об кард,
В-аз он пандҳо дида пуроб кард.

Яке анҷуман лаб пур аз офарин,
Бирафтанд аз айвони шоҳи замин.

БАЗМИ ПАНҶУМИ НӮШИНРАВОН БО БУЗАРҶМЕҲР ВА МӮБАДОН

Бар ин низ бугзашт як ҳафта рӯз,
Ба ҳаштум чу бифрӯхт гетифурӯз,

1400 Бияндохт он чодари ложвард,
Биёрост гетӣ ба дебои зард.

Шаҳаншоҳ биншаст бо мӯбадон,
Хирадманд пирону гӯяндагон,[5]

Сари мӯбадону радон Ардашер,
Чу Шопуру чун Яздгирди дабир,[6]

1. Л – Варо номи некӯ
2. И – некӯ барад
3. И – Хирадёфта
4. И – Дигарбора рӯзии ӯ
5. И – Ҷаҳондидаву кордида радон; Л – коркарда радон.
6. ТПЗИЛ – Ситорашиносону ҷӯяндагон,
   Хирадманду бедору гӯяндагон.

www.sattor.com

Сароянда Бузарҷмеҳри ҷавон
Биёмад бари шоҳ Нӯшинравон.[1]

Ба донандагон гуфт шоҳи ҷаҳон,
Ки «Бо кист ин дониш андар ниҳон,

К-аз ӯ дини Яздон банерӯ шавад,
Ҳамон тахти шоҳӣ беоҳу шавад?»

Чу бишнид аз ӯ мӯбади мӯбадон,
Забон баркушод аз миёни радон,

Чунин дод посух, ки «Аз доди шоҳ[2]
Дурахшон[3] шавад фарру дайҳиму гоҳ.

Чу[4] бо дод букшояд аз ганҷ банд,
Бимонад пас аз марг номаш баланд.[5]

Дигар, к-ӯ бишӯяд забон аз дурӯғ,
Наҷӯяд зи кажжӣ ба гетӣ фурӯғ.

Се дигар, ки бododу бахшоиш[6] аст,
Зи тоҷаш замона пуророиш аст.

Чаҳорум[7], ки аз кеҳтари пургуноҳ
Наҷӯшад сари[8] номвар пешгоҳ.[9]

Ба панҷум, чунон бошад андар сухан,[10]
Ки номаш нагардад ба гетӣ куҳан.

1. ТПЗ – Ҳаме хонд бар шаҳрёр офарин,
Аз ӯ шодмон гашт шоҳи замин.
2. Л – подшоҳ
3. Л – Дурафшон
4. Л – Ки
5. ТПМ – Ки номи баландӣ зи бахшиданист,
Ҳамин ганҷ аз баҳри пошиданист.
6. И – Сипаҳбуд чу бododу осоиш
7. И – Ва дигар
8. И–Бичӯшад дили
9. И–подшоҳ.
10. И – ҷаҳонҷӯи некӯсухан; Л – ҷаҳондори некӯсухан,

www.sattor.com

Ҳама рост гӯяд сухан камму беш,
Нагардад ба ҳар кор аз оини хеш.[1]

Шашум, бар парастандаи тахти хеш
Чунон меҳр дорад, ки бар бахти хеш.

Ба ҳафтум, сухан гарчи[2] доно бувад,
Забонаш ба гуфтан[3] тавоно бувад,

Нагардад дилаш сер аз омӯхтан,
Ба андешагон мағзро сӯхтан.

Ба озодӣ аст аз хирад ҳар касе,
Чунон чун бинолад зи ахтар басе.[4]

Дилат магсил, эй шоҳ, ҳеҷ аз[5] хирад,
Хирад ному фарҷомро парварад.

Манишпасту камдониш он кас, ки гуфт,
Манам, к-ам зи дониш касе нест ҷуфт».[6]

Чунин гуфт пас Яздгирди дабир,
Ки «Эй шоҳи донову[7] донишпазир,

Абар шоҳ зишт аст хун рехтан,
Ба андак сухан дил барангехтан.

Ҳамон чун сабуксор шуд шаҳрёр,
Беандеша даст андарорад ба кор.

Ҳамон бо хирадманд гирад ситез,
Кунад дил зи нодонии хеш тез.

1. ИЛ – б. 1413 нест.
2. И – агарчанд
3. И –Равонаш ба дониш
4. Л – б. 1417 нест;
ТПЗ– Хирад парварад ҷони донандагон,
Хирад раҳ намояд ба хонандагон.
5. Л –Дил, эй шоҳ, магсил зи роҳи
6. И – б. 1418, 1419 нест.
7. И – диндори; Л – донои

www.sattor.com

Дили шоҳи гетӣ чу пуроз гашт,
Равони варо дев анбоз гашт.

В-ар эдун, ки довар[1] бувад тезмағз,
Наёяд зи гуфтори ӯ кори нағз.

Агар корзорӣ, ки ҳангоми ҷанг
Битарсад зи ҷону натарсад зи нанг.

Тавонгар, ки бошад дилаш тангу зуфт,
Ба зери замин беҳтар[2] ӯро нуҳуфт.

Абар марди дарвеш кундоварӣ
Назебад, ки зебандаи меҳтарӣ.[3]

Чу кажжӣ кунад пир,[4] нох(в)аш бувад,
Пас аз марг ҷонаш пуроташ бувад.

Чу коҳил бувад марди барно ба кор,
Аз ӯ сер гардад дили рӯзгор.

Намонад равон тандурусту ҷавон,
Мабодаш равону мабодаш забон.[5]

Чу Бузарҷмеҳр он суханҳои нағз
Шуниду ба дониш биёрост мағз,

Чунин гуфт, к- «эй шоҳи хуршедчеҳр,
Ба коми ту бодо дурахшон[6] сипеҳр.[7]

Чунон кун, ки ҳар кас, ки дорад хирад,
Ба дониш равонро ҳаме парварад.

1. И – ҳоким
2. И – Шикамми замин бояд
3. И – б. 1428 нест.
4. Л –низ
5. Л - Бимонад зи нотандурустӣ равон,
Мабодаш забону мабодаш равон.
6. Л – дурафшон
7. И – дилат бод гардонсипеҳр.

www.sattor.com

Зи нодон бинолад дили сангу кӯҳ,
Азеро надорад бари кас шукӯҳ.

Надонад аз оғоз анҷомро,
На аз нанг донад ҳаме номро.[1]

Накӯҳида даҳ кор бар даҳ[2] гурӯҳ,
Накӯҳидатар назди донишпажӯҳ:

Яке он ки довар[3] бувад пурдурӯғ,
Нагирад бари марди дониш[4] фурӯғ.

Сипаҳбад, ки бошад нигаҳбони ганҷ,
Сипоҳӣ, ки ӯ сар бупечад зи ранҷ,

Дигар донишуманд, к-ӯ аз база
Натарсад, чу чизе[5] бувад бомаза.[6]

Пизишке, ки бошад ба тан дардманд,
Зи бемор чун боздорад газанд?!

Чу дарвеш мардум, ки нозад ба чиз,
Ки он чиз гуфтан наярзад пашиз.

Ҳамон сифла, к-аз ҳар кас орому хоб,
Зи дарё дареғ оядаш равшаноб.

В-агар боди нӯшин ба ту барҷаҳад,
Сипосе аз он бар сарат барниҳад.

Ба ҳафтум, хирадманд, к-ояд ба хашм,
Ба чизи касон баргуморад ду чашм.

1. ИЛ – б. 1435, 1436 нест.
2. Л – даҳ кор бар ду
3. Л – олим
4. Л–доно
5. Л –ки хунӣ
6. Л – пурмаза.

www.sattor.com

Ба ҳаштум, ба нодон намояндароҳ,
Супурдан ба коҳил касе дастгоҳ.[1]

Дили беҳунар, к-ӯ биёбад[2] хирад,
Пушаймон шавад ҳам зи кирдори бад,

Дили мардуми бехирад, б-орзу,[3]
Бад-ин гуна овезад, эй некхӯ.

Чу оташ, ки гӯгирд ёбад хуриш,
В-агар[4] дар найистон бувад парвариш.

Дили шоҳ Нӯшинравон зинда бод,
Сарони ҷаҳон[5] пеши ӯ банда бод!»

1. И –. 1445, 1446 нест; Л – б. 1446 нест.
2. И – Ҳамон бадкуниш, к-ӯ надорад; Л – Ҳар он бехирад, к-ӯ надорад
3. И – з- орзуй,
4. ИМ – Гараш
5. И – Ҷаҳон сарбасар

www.sattor.com

ФЕҲРИСТИ ФУСУЛИ ҶИЛДИ ҲАШТУМ

Подшоҳии Шопур ибни Шопур 5
Бар тахт нишастани Шопур ибни Шопур ва андарз
карданаш ба сардорон.. 5

Подшоҳии Баҳром – писари Шопур 8
Бар тахт нишастани Баҳром ва андарз кардан ба сардорон 8

Подшоҳии Яздгирди Базагар.. 11
Бар тахт нишастани Яздгирд 11
Зодани Баҳром – писари Яздгирд... 13
Супурдани Яздгирд писараш Баҳромро ба Мунзар ва
ба Нӯъмон ва парвариш кардан ӯро 17
Достони Баҳром бо канизаки чангзан дар шикор.. 24
Ҳунар намудани Баҳром дар шикоргоҳ 27
Омадани Баҳром бо Нӯъмон назди падараш Яздгирд................................. 29
Банд кардани Яздгирд Баҳромро ва бозомадани ӯ назди Мунзар 34
Омадани Яздгирд ба Тӯс ва куштани аспи обӣ ӯро 36
Рафтани Яздгирд ба чашмаи Сӯ ба гуфтори мӯбад ва
куштани аспи обӣ ӯро... 37
Нишондани меҳон хусравро бар тахт 41
Огоҳӣ ёфтани Баҳроми Гӯр аз мурдани падараш... 43
Нома навиштани эрониён ба Мунзар ва посухи он 46
Омадани Баҳроми Гӯр дар Ҷаҳрам ва рафтани эрониён ба назди ӯ 50
Сухани Баҳром бо эрониён дар бораи шоистагии худ ба
подшоҳӣ ва сар тофтани эшон аз он 53
Сухан гуфтани Баҳром бо эрониён аз шоистагии худ ба подшоҳӣ............. 56
Паймон кардани эрониён бо Баҳром дар бораи подшоҳӣ
ба шарти бардоштани тоҷ аз миёни шерон.. 58
Тоҷ бардоштани Баҳроми Гӯр аз миёни шерон.. 59
Рафтани Баҳром ва Хусрав ба ҳомун ва куштани Баҳром
шеронро ва бар тахт нишастан 64

Подшоҳии Баҳроми Гӯр 68
Нишастани Баҳром бар тахт ва андарз кардан ба сардорон
ва номаҳо бар меҳтарӣ навиштан... 68
Падруд кардани Баҳроми Гӯр Мунзар ва Нӯъмонро ва
бахшидани боҷи боқӣ ба эрониён 72
Достони Баҳроми Гӯр бо Ланбаки Обкаш 77

www.sattor.com

Достони Баҳроми Гӯр бо Бироҳоми ҷуҳудӣ 82
Бахшидани Баҳроми Гӯр хостаи Бироҳом Ланбакро 86
Достони Баҳроми Гӯр бо Меҳрбундод 89
Достони Баҳроми Гӯр бо Қабрӯй ва ҳаром кардани ӯ майро 92
Достони кӯдаки кашфгар бо шер ва ҳалол кардани Баҳроми Гӯр майро 94
Вайрон кардани мӯбади Баҳроми Гӯр деҳро ва боз обод карданаш 97
Достони Баҳроми Гӯр бо чаҳор хоҳарон 105
Ёфтани Баҳроми Гӯр ганҷи Ҷамшедро 111
Достони Баҳроми Гӯр бо бузургоне ва шогирди ӯ 118
Куштани Баҳроми Гӯр аждаҳоро ва достони ӯ бо зани полизбон 123
Рафтани Баҳроми Гӯр ба нахчир ва хостани духтарони Барзиндеҳқон 133
Ҳунар намудани Баҳроми Гӯр ба нахчир ва хостани духтари гавҳарфурӯш 142
Куштани Баҳром шеронро ва рафтанаш ба хонаи гавҳарфурӯш ва хостан духтари ӯро 143
Достони Баҳроми Гӯр бо Фаршедварди кадевар ва марди хоркан 162
Боз намудани хоркан ҳоли Кадевари Фаршедвард ва бахшидани Баҳром моли ӯ ба арзониён 167
Рафтани Баҳроми Гӯр ба нахчиргоҳ ва куштани шерон 174
Ҳунар намудани Баҳром ба нахчири гӯрон 181
Лашкар кашидани хоқони Чин ба Эрон ва зинҳор хостани эрониён аз ӯ 188
Тохтани Баҳроми Гӯр ба хоқони Чин 195
Мил баровардани Баҳроми гӯр бар сарҳади Эрон ва Тӯрон 197
Номаи Баҳроми Гӯр назди бародараш Нарсӣ ва Эрониён 200
Бозгаштани Баҳроми Гӯр ба эронзамин 203
Андарзнома навиштани Баҳроми Гӯр ба кордорони худ 206
Фиристодани Баҳроми Гӯр бародари худ Нарсиро ба Хуросон ва хондани пеши тахти хеш фиристодаи Қайсарро 211
Суволу ҷавоби фиристодаи румӣ бо мӯбадони Эрон 213
Падруд кардани Баҳроми Гӯр фиристодани Қайсарро 218
Сухан гуфтни Баҳром ба сардорон аз дод 220
Навиштани Баҳроми Гӯр нома ба наздики Шангул – шоҳи Ҳинд 225
Рафтани Баҳроми Гӯр ба Ҳиндустон бо номаи худ 229
Посух додани Шангул ба номаи Баҳром 232
Куштӣ гирифтани Баҳроми Гӯр дар боргоҳи Шангул ва ҳунар намудан 235
Гумон бурдани Шангул бар Баҳром ва боздоштан ӯро аз Эрон 239
Ҷанги Баҳром бо карг ва куштани ӯ каргро 243
Куштани Баҳроми Гӯр аждаҳоро 246
Ба занӣ кардани Баҳроми Гӯр духтари шоҳи Ҳиндустонро 250
Номаи Фағфури Чин ба Баҳроми Гӯр ва посухи он 254
Гурехтани Баҳроми Гӯр аз Ҳиндустон бо духтари Шангул 258
Тохтани Шангул паси Баҳроми Гӯр ва шинохтани ӯ 262

www.sattor.com

Бозгаштани Шангул ба Ҳинд ва Баҳром ба Эрон......................................265
Пазира шудани эрониён шоҳ – Баҳроми Гӯрро..265
Омадани Шангул бо ҳафт подшоҳ назди Баҳроми Гӯр 270
Бозгаштани Шангул аз Эрон ба Ҳиндустон 275
Бахшидани Баҳроми Гӯр хироҷ ба деҳқонон 277
Хондани Баҳроми Гӯр луриёнро аз Ҳиндустон..282
Сипарӣ шудани рӯзгори Баҳроми Гӯр 284

Подшоҳии Яздгирд писари Баҳроми Гӯр..288
Бар тахт нишастани Яздгирд ва андарз кардан ба сардорон 288

Подшоҳии Ҳурмуз писари Яздгирд 290
Бар тахт нишастани Ҳурмузд ва ситадани тоҷи ӯ бародараш Пирӯз 290

Подшоҳии Пирӯз писари Яздгирд 292
Бар тахт нишастани Пирӯз ва ҳафт сол хушкӣ афтодан
бар замини Эрон 292
Ҷанги Пирӯз бо Тӯрониён...295
Номаи Хушнавоз бо Пирӯз..296
Афтодани Пирӯз ба чоҳ ва кушта шудан 300

Подшоҳии Балош - писари Пирӯз 304
Андарз кардани Балош эрониёнро...304
Нома навиштани Суфарой ба Хушнавоз 306
Размӣ Суфарой бо Хушнавоз..311
Бозгаштани Қубод ба Эронзамин 317

Подшоҳии Қубоди Пирӯз 320
Бар тахт нишастани Қубод ва андарз кардан ба Меҳон 320
Бадгумон кардани эрониён Қубодро аз Суфарой ва
куштани ӯ Суфаройро 322
Банд кардани эрониён Қубодро ва бар тахт нишондан
Ҷомосп бародарашро 329
Гурехтани Қубод ва паноҳ гирифтан назди ҳайтолиён..............................331
Бозгаштани Қубод аз Ҳайтол ва зодани Кисрои
Нӯшинравон ва бар тахт нишастани Қубод 334
Пазируфтани Қубод дини Маздак...337
Овехтани Кисро Маздакро ва куштан ӯро...342
Валиаҳд кардани Қубод Кисроро ва бузургон
номи Нӯшервон додан ӯро 349
Аз пирӣ нолидани сароянда...351

Подшоҳии Кисрои Нӯшинравон..354
Андарз кардани Нӯшинравон сардорони Эронро 254
Бахшидани Кисро подшоҳиро ба чаҳор бахр ва тадбир
кардан хироҷро 358

www.sattor.com

Нома навиштани Нӯшинравон ба кордорони хеш 361
Достони Бобак мӯбади Кисро ва арзи сипоҳ доданаш 367
Дар доду фарҳанги Нӯшинравон...373
Баргаштани Нӯшинравон гирди подшоҳии хеш 376
Сазо додани Кисро алонон ва балуҷиён ва гелониёнро 380
Фарёд хостани Мунзари Тозӣ аз бедод кардани Қайсари Рум 386
Нома фиристодани Нӯшинравон наздики Қайсари Рум ва посухи ӯ 390
Расидани номаи Нӯшинравон назди Қайсар ва фиристодани
Қайсар посухи он 391
Лашкар кашидани Нӯшинравон ба ҷанги Қайсари Рум.............................393
Дижҳо гирифтани Нӯшинравон дар буми Рум 400
Разм кардани Нӯшинравон бо Фарфириюси румӣ ва
гирифтани Қолиниюс ва Антокия 402
Обод кардани Нӯшинравон шаҳр ба монанди
Антокия ва нишондан дар ин асирони румиро 407
Оштӣ ҷустани Қайсари Рум аз Нӯшинравон 409
Пайғоми Қайсар назди Нӯшинравон бо божу сов 409
Достони Нӯшзод писари Нӯшинравон ва зане тарсо.................................413
Бемор шудани Нӯшинравон ва фитна барпо задани Нӯшзод 416
Номаи Нӯшинравон ба Ромбарзин, нигаҳбони марзи
Мадоин, дар бораи гирифтор кардани Нӯшзод 418
Ҷанг сохтани Ромбарзин бо Нӯшзод ва панд додани
Пирӯз Нӯшзодро...426
Разми Ромбарзин бо Нӯшзод ва кушта шудани Нӯшзод............................430
Хоб дидани Нӯшинравон ва ба даргоҳ омадани Бузарҷмеҳр 435
Гузоридани Бузарҷмеҳр хоби Кисроро 439
Базми Нӯшинравон бо мӯбадон ва панд гуфтани Бузарҷмеҳр...................444
Базми дувуми шоҳ Нӯшинравон бо Бузарҷмеҳр ва мӯбадон 450
Базми севуми шоҳ Нӯшинравон бо Бузарҷмеҳр ва мӯбадон 457
Базми чаҳоруми шоҳ Нӯшинравон бо Бузарҷмеҳр ва мӯбадон 464
Базми панҷуми шоҳ Нӯшинравон бо Бузарҷмеҳр ва мӯбадон 469

www.sattor.com

АБУЛҚОСИМ
ФИРДАВСӢ

ШОҲНОМА

ҶИЛДИ IX

ДУШАНБЕ,
«АДИБ»
2009

www.sattor.com

ББК 83,3(0)9+83,3 (2 тоҷик)
А-19

Таҳияи матн ва луғату тавзеҳот аз
КАМОЛ АЙНӢ** ва **ЗОҲИР АҲРОРӢ

Муҳаррир
Мубашшир Акбарзод

А-19 ***Абулқосим Фирдавсӣ.* Шоҳнома**. — Душанбе: «Адиб», 2009. -480 саҳ.

Ба хонандаи азиз чопи севуми “Шоҳнома”-и безаволи Ҳаким Фирдавсӣ, ки бо кӯшиши таҳиягарони матни он омода гаштааст, пешкаш мегардад. Муҳаққиқон дар ин нашр аз нусхаҳои дигари “Шоҳнома” истифода кардаанд, ки ин арзиши корашонро бештар мекунад.

ISBN 978-99947-32-84-5

© Нашриёти "Адиб", 2009.

www.sattor.com

БАЗМИ ШАШУМИ НӮШИНРАВОН БО БУЗАРҶМЕҲР ВА МӮБАДОН

Бар ин низ як ҳафта бугзашт, шоҳ[1]
Бифармуд оростан боргоҳ.[2]

Биёмад, нишаст аз бари тахти зар
Або ёраву тоҷу заррин камар.[3]

Ба як даст мӯбад, ки будаш вазир,
Ба дасти дигар Яздгирди дабир.

Ҳамон[4] гирд бар гирди ӯ бихрадон,[5]
Сухангӯй Бузарҷмеҳру радон.

Ба Бузарҷмеҳр он замон шоҳ гуфт,
Ки «Гавҳар чаро бояд андар нуҳуфт?

Суханҳо, ки ҷонро[6] бувад судманд,
В-аз он[7] марди беарҷ гардад баланд.

Аз ин ганҷ гӯё нагирад камӣ,
Шунидан шавад мағзро хуррамӣ».

Чунин гуфт мӯбад ба Бузарҷмеҳр
Ки «Эй номвартар зи гардонсипеҳр,

Чӣ донӣ, ки бешиш бигзоядат,
Чу каммӣ бувад, зуд бифзоядат?»

Чунин дод посух, ки «Камтар х(в)арӣ,
Таносон шавӣ, ҳам равон парварӣ,

1. И – Бар ин низ бугзашт шодон ду моҳ; Л – моҳ.
2. ИЛ – Нишаст аз бари тахти пирӯз шоҳ.
3. ИЛ – б. 1452 нест.
4. И – Ҳама
5. ИЛ – мӯбадон.
6. Л – касро; И – танро
7. Л-ҳам он. И – ӯ

www.sattor.com

Зи кирдори некӯ чу бешӣ кунӣ,
Ҳаме[1] бар ҳамовард пешӣ кунӣ».[2]

Чунин гуфт ҳам[3] Яздгирди дабир,
Ки «Эй марди гӯяндаву[4] ёдгир,

Се[5] оҳу кадом аст бо дил ба роз,
Ки доранду[6] ҳастанд аз он[7] бениёз?»

Чунин дод посух, ки «Боре нахуст
Дил аз айб ҷустан бибояд-т шуст.

Бе оҳу касе нест андар ҷаҳон,
Тану ҷон чу бипсовад андар ниҳон.

Чу ту меҳтаре бар ту рашк оварад,
Чу кеҳтар туӣ, ӯ сирашк оварад.

Се дигар суханчину дурӯя мард,
Бикӯшад,[8] барангезад аз об гард.

Чу гӯяндамардум на бар ҷойгоҳ
Сухан гуфт, аз ӯ дур шуд фарру ҷоҳ.[9]

Ҳар он, к-ӯ сухан сарбасар нашнавад,
Надонад ба гуфтору ҳам награвад.

Ба чизе надорад хирадманд чашм,
К-аз ӯ бозмонад, напечад ба хашм».

Бипурсид[10] пас мӯбади мӯбадон,
Ки «Эй бартар аз донишӣ бихрадон,

Касе нест беорзу дар ҷаҳон,
Агар ошкоро бувад, гар[11] ниҳон.

1. Л – Ҳамон
2. И – б. 1461 нест.
3. ИЛ – пас
4. Л-тезгӯяндаи
5. ИЛ –Даҳ
6. Л – доранданда
7. И–дорему ҳастем з-он
8. ИЛ – Бад-он то
9. Л –хуру моҳ.
10. И – Бад-ӯ гуфт
11. И – в-агар дар

www.sattor.com

Ҳамон орзуро бад-ин аст роҳ,
Ки пайдо бувад мардро дастгоҳ,

Кадомин раҳ ояд туро судманд,
Кадом аст бо дарду ранҷу газанд?»

Чунин дод посух, ки «Роҳ аз ду сӯст
Гузаштан туро, то кадом орзуст.

Яке роҳи бебокиву пурбадӣ,
Дигар раҳ накӯкориву бихрадӣ,

Зи гетӣ яке бозгаштан ба хок,
Ки роҳе дароз аст бо биму[1] бок.

Хирад бошадат з-ин сухан раҳнамун,
Бад-ин пурсиш андар чароиву чун?

Хирадмандро хилъати эздист,
Сазовори хилъат нигаҳ кун, ки кист?

Тануманд, к-ӯро хирад ёр нест,
Ба гетӣ кас ӯро харидор нест.

Набошад хирад, ҷон набошад равост,
Хирад ҷони ҷон асту Эзад гувост.

Чу бунёди дониш биёмӯхт мард,
Сазовор гардад ба нангу набард.

Зи дониш нахустин ба Яздон гарой,
Куҷо ҳасту[2] бошад ҳамеша ба ҷой.

Бад-ӯ бигравӣ, коми дил ёфтӣ,
Расидӣ ба ҷое, ки биштофтӣ.

Дигар дониш он аст, к-аз х(в)арданӣ
Фароз оварӣ рӯи оварданӣ.

Ба хӯрду ба пӯшиш ба покӣ гарой,
Бад-ин дор фармони Яздон бапой.

1. И – тарсу
2. И – Ки будасту

www.sattor.com

Гар ояд-т рӯзе ба чизе ниёз,
Ба дасту ба ганҷи бахилон маёз.

Ҳам аз пешаҳо он гузин, к-андар ӯй
Зи номаш нагардад ниҳон обрӯй.

Ҳамон дӯстӣ бо касе кун баланд,
Ки бошад ба сахтӣ туро ёрманд.

Ту бар анҷуман хомушӣ баргузин,
Чу хоҳӣ, ки яксар кунанд офарин.

Чу гӯӣ ҳам, он гӯ, ки омухтӣ,
Ба омӯхтан-дар ҷигар сӯхтӣ.[1]

Сухан санҷу динори ганҷе масанҷ,
Ки бар донишӣ мард хор аст ганҷ.

Забон дар сухан гуфтан ожир кун,
Хирадро камону забон тир кун.

Чу разм оядат пеш, ҳушёр бош,
Танатро зи душман нигаҳдор бош.

Чу бадхоҳ пеши ту саф баркашид,
Туро рою ором бояд гузид.

Баробар чу бинӣ яке[2] ҳамнабард,
Набояд, ки гардад туро рӯй зард.

Ту пирӯзӣ, ар пешдастӣ кунӣ,
Сарат паст гардад, чу[3] пастӣ кунӣ.

Бад-он гаҳ ки асп афканӣ, гӯш дор,
Силеҳи ҳамовардро ҳуш дор.

Чу[4] ӯ тез гардад, ту з-ӯ бармагард,
Ҳушивор ёрон гузин дар набард.

1. И – б. 1490, 1491 нест.
2. И – касе; Л – Чу бинӣ ба овард кас
3. Л –ки
4. И – Ки

www.sattor.com

Чу бо душмани худ[1] натобӣ, макӯш,
Ба баргаштан аз разм боз ор ҳуш.

Чунин ҳам нигаҳ дор тан дар х(в)ариш,
Набояд, ки бигзоядат парвариш.

Махӯр чиз бешӣ, ки бигзоядат,
Ки гар кам хӯрӣ, зӯр бифзоядат.[2]

Макун дар хӯриш хештан чорсӯ,
Чунон хӯр, ки нузат бувад орзу.

Зи май низ ту шодмонӣ гузин,
Ки маст аз касе нашнавад офарин,

Чу яздонпарастӣ, писандидаӣ,
Ҷаҳон чун тан асту ту чун дидаӣ.

Басе аз ҷаҳонофарин ёд кун,
Парастиш бар ин ёд бунёд кун.

Ба жарфӣ нигаҳ дор ҳангомро
Ба рӯзу ба шаб гоҳи оромро.

Миёна гузин дар ҳама коркард,
Ба пайвастагӣ ҳам ба нангу набард.[3]

Ту бодиву обӣ сиришта ба хок,
Фаромуш макун роҳи Яздони пок.[4]

Парастиш зи хурд эч камтар макун,
Ту нав бош, агар ҳаст фармон куҳун.

Ба некӣ гарою ғанимат шинос,
Ҳам аз офариданда дор ин[5] сипос.

Магард эч гуна ба гирди бадӣ,
Ба некӣ биёрой, агар бихрадӣ.

1. ИЛ –донӣ, ки бо ӯ
2. И – б. 1502 нест.
3. Л –б. 1508 нест.
4. II – б. 1508, 1509 нест.
5. Л – Ҳама з-офариннанда дон он

www.sattor.com

Ситудатар он кас бувад дар ҷаҳон,
Ки некаш бувад ошкору ниҳон.

Ҳаворо мабар пеши рою хирад,
К-аз[1] он пас хирад сӯи ту нангарад.[2]

Дабирӣ биёмӯз фарзандро,
Чу ҳастӣ бувад хешу пайвандро.

Чу хоҳӣ, ки ранҷи тан ояд ба бор,
Мабартоб танро[3] зи омӯзгор.

Дабирӣ расонад ҷавонро ба тахт,
Шавад носазо з-ӯ сазовори бахт.

Дабирист аз пешаҳо арҷманд,
В-аз ӯ марди афканда гардад баланд.

Чу бо олату рой бошад дабир,
Нишинад бари подшо ногузир.

Тани хешро гар бидорад ба ранҷ,
Биёбад беандоза аз шоҳ ганҷ.

Балоғат чу бо хат фароз оядаш,
Ба андеша маънӣ бияфзоядаш.

Зи лутф[4] он гузинад, ки кӯтоҳтар,
Ба хат он намояд, ки дилхоҳтар.

Хирадманд бояд, ки бошад дабир,
Ҳамон бурдбору суханёдгир.

Ҳушивору созандаи подшо,
Забон хомуш аз бад, ба тан порсо,

Шикебову бодонишу ростгӯй,
Вафодору покизаву тозарӯй.

1. Л –Аз
2. И – б. 1514 нест.
3. Л – сарро
4. И –лафз

www.sattor.com

Чу бо ин ҳунарҳо шавад назди шоҳ,
Набошад нишасташ магар пешгоҳ».

Суханҳо чу бишнид аз ӯ шаҳрёр,
Дилаш тоза шуд чун гул андар баҳор.[1]

Чунин гуфт[2] Кисро ба мӯбад, ки «Рав,
Варо пойгоҳе[3] биёрой нав.

Дирам хоҳу хилъат сазовори ӯй,
Ки дил шод гардад зи гуфтори ӯй.

БАЗМИ ҲАФТУМИ НӮШИНРАВОН БО БУЗАРҶМЕҲР ВА МӮБАДОН

Дигар ҳафт рӯзе биёвехт тоҷ,
Биёмад, нишаст аз бари тахти оҷ.

Або мӯбадонмӯбаду бо[4] радон,
Ҷаҳонҷӯю бедордил бихрадон.

Ҳамон Содаву[5] Яздгирди дабир,
Ба пеш-андарун Баҳмани тезвир.

Ба Бузарҷмеҳр он замон гуфт шоҳ,
Ки «Дилро[6] биёрою бинмой роҳ.

Зи ман ростӣ ҳар чи донӣ, бигӯй,
Ба кажжӣ маҷӯй аз меҳон[7] обрӯй.

Парастиш чи гунаст фармони ман,
Нигаҳ доштан роҳу[8] паймони ман.

1. И –б. 1527 нест.
2. И – Бифармуд
3. Л –ҷойгоҳе
4. Л – мӯбади мӯбадону; И – номвар мӯбадону
5. Л – шоҳ бо
6. И – Дилҳо
7. Л – ҷаҳон
8. ИЛ – рою

www.sattor.com

Суханҳо сабук гӯю баста магӯй,
Макун хомгуфтор бо рангу бӯй».[*1]

Чунин гуфт бо шоҳ бедормард,
Ки «Эй бартар аз гунбади ложвард,

Парастидани шаҳрёри замин,–
Надорад[2] хирадманд ҷуз[3] роҳи дин.

Ба фармони шоҳон набояд диранг,
Набояд, ки гардад дили шоҳ танг.

Ҳар он кас, ки бар подшо душман аст,
Равонаш парастори Оҳарман аст.

Диле, ки[4] надорад тани шоҳ дӯст,
Набояд, ки бошад варо мағзу пӯст.

Чунон дон, ки ороми гетист шоҳ,
Чу некӣ кунем, ӯ диҳад пойгоҳ.

Ба неку ба бадмон[5] бувад дастрас,
Наёзад ба кину ба озарми[6] кас.

Ту мапсанд фарзандро ҷои ӯ,
Чу ҷон дор чеҳри дилорои ӯ.

Ба шаҳре, ки ҳаст андар ӯ меҳри шоҳ,
Наёбад ниёз андар он бум роҳ.

Бадӣ бар ту аз фарри ӯ нагзарад,
Ки бахташ ҳама некувӣ парварад.

Ҷаҳонро дил аз шоҳ хандон бувад,
Ки бар чеҳри ӯ фарри Яздон бувад.

---

1. М – пас аз б. 1536 ин б. омада:
   Зи гетӣ чу огаҳ кунанд ин сарон,
   Суханҳо бигӯянд бо дигарон.
2. И – Бичӯяд; Л – Начӯяд
3. И – чун
4. И –к-ӯ
5. И –бад ӯро
6. И –озори

www.sattor.com

Чу аз неъматаш баҳра ёбӣ, бикӯш,
Ки дорӣ ҳамеша ба фармон-ш гӯш,

Ба андеша гар сар бупечӣ ту з-ӯй,
Бупечад[1] ҳамон гаҳ зи ту бахт рӯй.

Чу наздик дорад,[2] машав пурманиш,
В-агар дур гардӣ, машав бадкуниш.[3]

Парастанда, гар ёбад аз шоҳ ранҷ,
Нигаҳ кун, ки бо ранҷ ноз асту ганҷ.

Набояд, ки сер ояд аз коркард,
Ҳамон низ кундӣ кунад дар набард.[4]

Зи Яздон бувад он, ки дорад сипос,
Кунад офарин марди яздоншинос.

Ва дигар, ки андар дилаш рози шоҳ
Бидорад, нагӯяд ба хуршеду моҳ.[5]

Ба фармони шоҳ он, ки сустӣ кунад,
Ҳаме аз тани хеш мустӣ кунад.

Накӯҳида бошад гули он дарахт,
Ки напроканад бор бар тоҷу тахт.

Зи касҳои ӯ пеши ӯ бад магӯй,
Ки камтар кунӣ назди шоҳ обрӯй.

Ҳар он кас, ки бисёр гӯяд дурӯғ,
Ба наздики[6] шоҳон нагирад фурӯғ.

Сухан, к-он на андархурад бо хирад,
Бикӯшад, ки бар подшо нашмарад.

1. Л – Битобад
2. Л – гардӣ,
3. Л – макун сарзаниш.
4. Л – б. 1552 нест.
5. И –б. 1553, 1554 нест.
6. И – Бари тахти

www.sattor.com

В-агар[1] пурсадат, ҳар[2] чӣ донӣ, бигӯй,
Ба бисёр гуфтан мабар[3] обрӯй.[4]

Фузун аст аз он дониш андар ҷаҳон,
Ки бишнуд гӯш ошкору ниҳон.

Касеро, ки шоҳи ҷаҳон хор кард,
Бимонад ҳамеша равонаш бадард.

Ҳамон дар ҷаҳон арҷманд он бувад,
Ки бо ӯ лаби[5] шоҳ хандон бувад.

Чу бинвозадат шоҳ, кажжӣ макун,
В-агарчи парастанда бошӣ куҳун.

Ки гарчанд гардад парастиш дароз,
Чунон дон, ки ҳаст ӯ зи ту бениёз.

В-агар[6] парварад дигареро ҳам он,
Парастор бошад чу ту бегумон.

В-агар бо ту гардад ба чизе дижам,
Ба пӯзиш гарою мазан ҳеҷ дам.

В-агар нест огоҳият[7] аз[8] гуноҳ,
Бараҳна дилатро бубар пеши[9] шоҳ.

В-агар ҳеҷ тоб андар орӣ ба дил,
Бад-ӯ рӯй манмою пай баргусил.

Ба фар ӯ бубинад ниҳони[10] туро,
Дили кажжу тира равони[11] туро.

Аз он пас наёбӣ аз ӯ некувӣ,
Ҳамон гарм гуфтори ӯ нашнавӣ.

---

1. И – Агар
2. И –он
3. И – маҷӯй
4. Л-6. 1558–1560 нест.
5. И – дили
6. Л – Ки гар
7. И–Агар нестат огаҳӣ
8. Л–ҳаст огоҳият з-он
9. ИЛ – назди
10. И–гумони
11. И – тираву тарҷумони

www.sattor.com

Дари подшо ҳамчу дарё шумар,
Парастанда маллоҳу киштӣ ҳунар,

Сухан лангару бодбонаш хирад,
Ба дарё хирадманд чун бугзарад,

Ҳамон бодбонро кунад моядор,
Ки ҳам моядор асту ҳам соядор.

Касе, к-ӯ надорад ҳунар бо хирад,
Сазад, гар дари подшо наспарад,[1]

Агар подшо кӯҳи оташ будӣ,
Парастандаро зистан х(в)аш будӣ,

Ки оташ гаҳи хашм сӯзон бувад,
Чу хушнуд бошад, фурӯзон бувад.

Аз ӯ як замон ширу шаҳд аст баҳр,
Ба дигар замон чун газоянда заҳр.

Ба кирдори дарё бувад кори шоҳ,
Ба фармони ӯ тобад аз чарх моҳ.

Зи дарё яке рег дорад[2] ба каф,
Дигар дурр дорад миёни садаф.

Ҷаҳон зинда бодо ба Нӯшинравон,
Хирадпиру бедору давлатҷавон,[3]

Ки бар шаҳрёрони гетӣ сар аст,
Ба ҳар хубӣ ороиши кишвар аст».[4]

Нигаҳ кард Кисро ба гуфтори ӯй,
Дилаш гашт зинда[5] ба дидори ӯй.

Чу гуфтӣ, ки зеҳ, бадра будӣ чаҳор,
Бад-ин гуна буд бахшиши шаҳрёр.

1. И – 1575 нест.
2. И–дурри зебо
3. Л – Ҳамеша ба кайвон-ш фармонравон.
4. ИЛ–б.1572 нест.
5. ИЛ – хуррам

www.sattor.com

Чу бо зеҳ бигуфтӣ, зеҳозеҳ ба ҳам,
Чиҳил бадра будӣ зи ганҷу дирам.

Чу ганҷур бо шоҳ кардӣ шумор,
Ба ҳар бадра будӣ дирам даҳ[1] ҳазор.

Шаҳаншоҳ бо зеҳ зеҳозеҳ бигуфт,
Ки гуфтори ӯ бо дирам[2] буд ҷуфт.

Биёвард ганҷури хуршедчеҳр
Дирамбадраҳо пеши Бузарҷмеҳр.

ДОСТОНИ МАҲБУД, ДАСТУРИ НӮШИНРАВОН

Бар ин достон-бар сухан сохтам,
Ба Маҳбуди дастур пардохтам.

Маёсой аз омӯхтан як замон,
Зи дониш маяфкан дил андар гумон.

Чу гӯӣ, ки воми хирад тӯхтам,
Ҳама ҳар чӣ боистам, омӯхтам.

Яке нағз бозӣ кунад рӯзгор,
Ки биншонадат пеши омӯзгор.

Зи деҳқон кунун бишнав ин достон,
Ки бархонад[3] аз гуфтаи бостон.

Чунин гуфт мӯбад, ки бар тахти оҷ
Чу Кисро касе низ нанҳод тоҷ,

Ба разму ба базму ба парҳезу дод
Чун[4] ӯ кас надорад зи шоҳон[5] ба ёд,

Зи донандагон дониш омӯхтӣ,
Дилашро зи дониш барафрӯхтӣ.

---

1. ИЛ – Варо бадра будӣ дирам сад
2. Л – хирад; И – ҳунар
3. И – баргӯяд
4. Л – Чу
5. И – шаҳаншаҳ надорад

www.sattor.com

Хӯру хоб бо мӯбадон хостӣ,
Ҳама дил ба дониш биёростӣ.

Бар ӯ чун раво шуд ба дониш сухун,
Ту з-омӯхтан ҳеҷ сустӣ макун.

Надонӣ, чӣ гӯӣ, ки доно шудам,
Ба ҳар орзу-бар тавоно шудам.

Чу ин достон бишнавӣ, ёд гир
Зи гуфтори гӯянда деҳқони пир.

Бипурсидам аз рӯзгори куҳан,
Зи Нӯшинравон ёд кард ин сухан,

Ки ӯро яке пок дастур буд,
Ки бедордил буду ганҷур буд.

Дили пурхирад дошту ройи дуруст,
Зи гетӣ ҷуз аз некномӣ[1] наҷуст.[2]

Ки Маҳбуд буд номи он покмағз,
Равону дилаш пур зи гуфтори нағз.

Ду фарзанд будаш чу хуррамбаҳор,
Ҳамеша парастандаи шаҳрёр.

Шаҳаншоҳ чун замзам[3] оростӣ,
В-агар барсами[4] мӯбадӣ[5] хостӣ,

Нахӯрдӣ ҷуз аз дасти Маҳбуд чиз,
Ҳам эмин будӣ з-он ду фарзанд низ.

Хӯришхона дар хони ӯ доштӣ,
Тани хеш меҳмони ӯ доштӣ.

---

1. И – номи некӣ
2. ТП – Накӯхӯй буду накӯрой буд,
Бари хусраваш роҳу ҳам ҷой буд.
3. И – базм; И – базме
4. Л– пурсиши
5. И – Ба расми дигар мӯбадон

www.sattor.com

Ду фарзанди ӯ[1] номвар порсо,
Хӯриш овaридӣ бари[2] подшо.

Зи Маҳбуд бар дар бузургон ба[3] рашк.
Ҳаме рехтандӣ бар ӯ-бар[4] сирашк.

Яке номвар буд, Зарвон ба ном,
Ки ӯро будӣ бар дари шоҳ ком.

Куҳан буду ҳам ҳоҷиби шоҳ буд,
Фурӯзандаи базму даргоҳ буд.

Зи Маҳбуду аз ҳар ду фарзанди ӯй
Ҳамасола будӣ пур аз обрӯй.

Ҳаме сохтӣ то сари подшо
Кунад тез дар кори он порсо.

Ба бад гуфт, аз эшон надид эч роҳ,
Ки кардӣ пурозор аз ӯ ҷони шоҳ,

Хирадманд аз он худ, ки[5] огоҳ буд,
Ки ӯро ба даргоҳ бадхоҳ буд,

Зи гуфтору кирдори он шӯхмард
Нашуд ҳеҷ Маҳбудро рӯй зард.

Чунон буд, ки як рӯз марди ҷуҳуд
Зи Зарвон дирам хост аз баҳри суд

Шуд, омад, бияфзуд наздики ӯй,
Баромехт бо ҷони торики ӯй.[6]

Чу бо ҳоҷиби шоҳ густох шуд,
Парастандаи хусравӣ кох шуд.

Зи афсун сухан гуфт рӯзе ниҳон
Зи даргоҳу аз шаҳрёри ҷаҳон,

1. Л – он
2. Л – зӣ
3. ИЛ – зи
4. Л – зи хунӣ
5. Л – бад на
6. И – б. 1619 нест.

www.sattor.com

Зи найрангу аз тунбалу ҷодуӣ,
Зи кирдори[1] кажживу аз бадхӯӣ.

Чу Зарвон ба гуфтори марди ҷуҳуд,
Нигаҳ карду рози фусунаш[2] шунуд,

Бад-ӯ роз букшоду гуфт: «Ин сухун
Ба ҷуз пеши ман[3] ошкоро макун.

Яке ҷодувӣ боядат сохтан,
Замона зи Маҳбуд пардохтан,

Ки ӯро бузургӣ ба ҷое расид,
Ки пои замона бихоҳад кашид.

Зи[4] гетӣ надорад касеро ба кас,
Ту гӯӣ, ки Нӯшинравон асту бас.

Ҷуз аз дасти фарзанди Маҳбуд чиз
Хӯришҳо нахоҳад ҷаҳондор низ.

Шудаст аз навозиш чунон пурманаш,
Ки ҳазмон бибӯсад фалак доманаш».

Чунин дод посух ба Зарвон ҷуҳуд,
К- «Аз ин доварӣ ғам набояд фузуд.

Чу барсам бигирад чаҳондор шоҳ,
Хӯришҳо бубин, то чӣ орад ба роҳ.

Нигар, то бувад ҳеҷ шир андар ӯй,
Пазира шаваш,[5] хӯрданиҳо бибӯй.

Ҳамон бас, ки ман шир бинам зи дур,
На Маҳбуд бинӣ ту зинда, на пур.

В-агар з-ӯ хӯрад бегумон рӯю санг,
Бирезад[6] ҳам андар замон бедиранг».

---

1. И – гуфтори
2. Л – овози афсун
3. ИЛ – ҷон
4. Л– Ба
5. Л – шаву
6. Л –Бимирад

www.sattor.com

Нигаҳ кард Зарвон ба гуфтори ӯй,
Дилаш тозатар шуд зи[1] дидори ӯй.

Нарафтӣ ба даргоҳ бе он[2] ҷуҳуд,
Хӯру шодиву роз[3] бе ӯ набуд.

Чунин то баромад бар ин чанд гоҳ,
Бадомӯз пӯён ба даргоҳи шоҳ.

Ду фарзанди Маҳбуд ҳар бомдод,
Хиромон шуданді бари шоҳи род.

Паси пардаи номвар кадхудой
Зане буд покизаву покрой,

Ки чун шоҳ Кисро хӯриш хостӣ,
Яке хони заррин биёростӣ.

Се коса ниҳодӣ бар ӯ аз гуҳар[4]
Ба дастори зарбафт пӯшида сар.

Зи дасти ду фарзанди он арҷманд
Расидӣ ба наздики шоҳи[5] баланд.

Хӯришҳо зи шаҳду зи ширу гулоб,
Бихӯрдиву оростӣ ҷои хоб,

Чунон буд, ки як рӯз ҳар ду ҷавон
Бибурданд хон назди Нӯшинравон.

Ба сар барниҳода яке пешкор,
Ки будӣ хӯриш назди ӯ устувор.

Чу хон андаромад ба болони шоҳ,
Бад-ӯ кард Зарвони ҳоҷиб нигоҳ.

Чунин гуфт хандон ба марди ҷавон,
Ки «Эй эмини шоҳ Нӯшинравон,

1. Л –ба
2. И –Ҳаме рафт бо ӯ ба даргаҳ
3. И – хобу ором
4. И – ҳам зи зар,
5. И – бари шаҳрёри

www.sattor.com

Яке рӯй бинмой, то з-ин х(в)ариш,
Ки бошад ҳаме шоҳро парвариш,

Чӣ ранг аст, к-ояд ҳаме бӯи х(в)аш,
Яке чодири парниён з-ӯ бикаш».

Хӯришро ҷавон зуд бикшод рӯй,
Нигаҳ кард Зарвон зи дур андар ӯй.

Ҳам эдун ҷуҳуд андар ӯ бингарид,
Пас омад, чу ранги хӯришҳо бидид,

Чунин гуфт аз он пас ба солори бор,
Ки «Омад дарахте, ки киштӣ, ба бор».

Бибурданд хон назди Нӯшинравон
Хирадманду бедор ҳар ду ҷавон.

Паси хон[1] ҳаме рафт Зарвон чу гард,
Чунин гуфт бо[2] шоҳи озодмард,

Ки «Эй шоҳи некахтари додгар,
Ту бечошнӣ дасти хӯрдан мабар,

Ки рӯи фалак бахти хандони туст,
Ҷаҳон равшан аз тахту майдони туст.

Хӯриш гар баромехт бо шир заҳр,
Бадандешро бод аз ин заҳр[3] баҳр».

Чу бишнид аз ӯ шоҳ Нӯшинравон,
Нигаҳ кард равшан ба ҳар ду ҷавон,

Ки холигараш моми эшон будӣ,
Хирадманду бо меҳру хешон будӣ.

Ҷавонон зи покиву аз ростӣ
Наваштанд бар пушти даст остӣ.

Ҳам он чун бихӯрданд аз он шаҳду шир,
Ту гуфтӣ, бихастанд ҳар ду ба тир.

---

1. Л – Пас андар
2. Л – То бари
3. Л – З-ин шир

www.sattor.com

Бихуфтанд бар ҷой[1] ҳар ду ҷавон,
Бидоданд ҷон пеши Нӯшинравон.

Чу шоҳи ҷаҳон[2] андар он бингарид,
Барошуфту шуд чун гули шанбалид.

Бифармуд, к-аз хони Маҳбуд хок
Бароранду[3] аз кас надоранд[4] бок.

Бар он хок бояд буридан сараш,
На Маҳбуд бодо, на холигараш.

Ба айвони Маҳбуд-дар кас намонд,[5]
Зи хешони ӯ дар ҷаҳон бас намонд.[6]

Ба тороҷ дод он ҳама хоста,
Зану кӯдаку ганҷи ороста,

Расид андар он кор Зарвон ба ком,
Гаҳе буд дид андар ин,[7] гоҳ ном.

Ба наздики ӯ шуд ҷуҳуд арҷманд,
Барафрохташ сар ба абри баланд.

Бигашт андар ин низ чанде сипеҳр,[8]
Дурустӣ ниҳон карда[9] аз шоҳ чеҳр.

ОШКОР ШУДАНИ АФСУНИ ЗАРВОН ВА ЯҲУДӢ ВА КУШТА ШУДАНИ ҲАРДУВОН

Чунон буд,[10] ки шоҳи ҷаҳонкадхудой
Ба нахчири гӯрон ҳаме кард рой.

1. И – хок
2. И – Нӯшинрвон
3. Л – Барореду
4. Л – мадоред
5. Л – мабод,
6. Л – мабод.
7. И – ком чуст андар он.
8. Л – Ки Кисро бипардохт з-он нангу?
9. И – кард
10. И – шуд

www.sattor.com

Бифармуд, то аспи нахчиргоҳ
Басе бугзаронанд бар пешгоҳ.[1]

Зи аспон, ки Кисро ҳаме бингарид,
Аз он барду - бар[2] доғи Маҳбуд дид.

Аз он тозиаспон рухаш барфурӯхт,
Ба Маҳбуд-бар ҷони меҳраш бисӯхт.

Фурӯ рехт об аз ду дида бадард,
Басе доғдил ёди Маҳбуд кард.[3]

Чунин гуфт, к- «он марди бообуҷоҳ[4]
Бибурдаш чаро[5] деви риман зи роҳ!

Бад-он дӯстдориву он ростӣ
Чаро ҷуст ҷонаш раҳи[6] костӣ?!

Надонад ба ҷуз як[7] Худои[8] ҷаҳон,
Аз он ошкоро дурустӣ ниҳон».

В-аз он ҷойгаҳ сӯи нахчиргоҳ
Биёмад чунон доғдил бо сипоҳ.

Зи ҳар кас ба раҳ-бар сухан хостӣ,
Ба гуфторҳо дил биёростӣ.

Сароянда бисёр ҳамроҳ кард,
Ба афсонаҳо роҳ кӯтоҳ кард.

Дабирону Зарвону дастури шоҳ,
Бирафтанд як рӯз гӯён[9] ба роҳ.

Сухан рафт чанде зи афсуну[10] банд,
Зи ҷодуву Оҳармани[11] пургазанд.

1. Л – чашми шоҳ; И – б. 1666 нест.
2. Л – Бар он бар яке
3. Л – б. 1674, 1675 нест.
4. Л – чою чоҳ
5. Л – чунон
6. Л – Кушод аз равонаш дари
7. Л – ниҳон ҷуз
8. И – ҷуз аз Кирдгори
9. И – пӯён
10. И – Қазоро сухан рафт з-афсуну
11. Л – Аҳримани; И–ҷодуй в-Оҳармани

www.sattor.com

Ба мӯбад чунин гуфт пас шаҳрёр,
Ки «Дилро ба найранг ранҷа мадор.

Сухан ҷуз зи Яздону аз дин магӯй,
Зи найрангу ҷоду шигифтӣ маҷӯй!»

Бад-ӯ гуфт Зарвон, ки «Нӯша бадӣ,[1]
Хирадро ба гуфтор тӯша бадӣ![2]

Зи ҷоду сухан ҳар чӣ гӯянд, ҳаст,
Надонад ба ҷуз марди ҷодупараст,

Агар хӯрданӣ дорад аз шир баҳр,
Ба дидор гардонад аз дур заҳр».

Чу бишнид Нӯшинравон ин сухан,
Бар ӯ тоза шуд рӯзгори куҳан.

Зи Маҳбуду ҳар ду писар ёд кард,
Баровард шоҳ аз ҷигар боди сард.[3]

Ба Зарвон нигаҳ карду хомуш бимонд,
Сабук бораи гомзанро биронд.

Равонаш зи андеша пурдуд буд,
Ки Зарвон бадандеши Маҳбуд буд.

Ҳаме гуфт,[4] к- «Ин марди носозгор,
Надонам, чӣ кард андар он рӯзгор?

Ки Маҳбуд бар дасти мо кушта шуд,
Чунон дударо рӯз баргашта шуд.

Магар Кирдгор ошкоро кунад,
Дилу мағзи мо пурмадоро кунад,

Ки олуда бинам ҳаме з-ӯ сухан,
Пур аз дардам аз рӯзгори куҳан».

---

1. Л – Анӯша бизӣ,
2. Л – бизӣ!
3. И – Лабонро зи андӯҳ пурбод кард.
4. И – Ба дил гуфт,

www.sattor.com

Ҳаме рафт бо дил[1] пур аз дарду ғам,
Пурожанг рух, дидагон пур зи нам,

Ба манзил расид он замон шаҳрёр,
Саропарда зад бар сари[2] ҷӯйбор.

Чу Зарвон биёмад ба пардасарой,
Зи бегона пардахт карданд ҷой.

Зи ҷоду сухан гуфт в-аз шаҳду шир,
Бад-ӯ гуфт: «Ҳаст ин сухан[3] дилпазир».

Зи Маҳбуд аз он пас бипурсид шоҳ,
Зи фарзанди ӯ то чаро шуд табоҳ.

Ба посух сухан[4] ларз-ларзон шунид,
Зи Зарвон гунаҳгорӣ омад падид.

Бад-ӯ гуфт Кисро: «Сухан рост гӯй,
Макун чораву ҳеҷ кажжӣ маҷӯй,

Ки кажжӣ наёрад магар кори бад,
Дили нек бад гардад аз ёри бад».[5]

Саросар сухан рост Зарвон бигуфт,
Нуҳуфта падид оварид аз нуҳуфт.

Гунаҳ яксар афканд сӯи ҷуҳуд,
Тани хешро кард пурдарду дуд.

Чу бишнид аз ӯ шаҳрёри баланд,
Ҳам андар замон пой кардаш ба банд.

Фиристод назди мушаъбад ҷуҳуд
Дуаспа саворе ба кирдори дуд.

Чу омад бад-он боргоҳи баланд,
Бипурсид аз ӯ гарм шоҳи баланд,

1. И –як дил
2. ИЛ – лаби
3. И – Куҷо ин сухан кай бувад
4. И –Чу посух аз ӯ
5. И – б. 1704 нест.

www.sattor.com

Ки «Ин кор чун буд, бо ман бигӯй,
Зи дасти[1] дурӯғ эч манмой рӯй».

Ҷуҳуд аз чаҳондор[2] зинҳор хост,
Ки пайдо кунад рози найранг рост.

Бигуфт, он чӣ Зарвон бад-ӯ гуфта буд,
Сухан ҳар чӣ андар ниҳон рафта буд.

Ҷаҳондор[3] бишнид, хира бимонд,
Раду мӯбаду марзбонро[4] бихонд.

Дигарбора кард он сухан хостор
Ба пеши радон додгар[5] шаҳрёр.[6]

Бифармуд пас, то ду дори баланд
Фурӯҳишта аз дор[7] печон каманд,

Бизад марди дажхим пеши дараш,
Назора бар ӯ- бар ҳама лашкараш.

Ба як дор Зарвону дигар ҷуҳуд,
Кушанда баровехту[8] тундӣ намуд.

Ба борони сангу ба борони тир,
Бидоданд сарҳо ба найранги шир.

Ҷаҳонро набояд сипардан ба бад,
Ки бар бадкуниш бегумон бад расад.

Зи хешони Маҳбуд чанде бичуст,
К-аз эшон биёбад[9] касе тандуруст.

Яке духтаре ёфт пӯшидарӯй,
Се марди гаронмояву номҷӯй.[10]

---

1. И – Ба сӯи
2. И-чаҳончӯй
3. И – Сипаҳбад чу
4. И – паҳлавонро
5. И – номвар
6. ТГТЗИ – Ҷуҳуди бадандеш яксар бигуфт,
   Намонд аз бузургон сухан дар нуҳуфт.
7. И – Заданду фурӯҳишта.
8. И – шуд он ҷову
9. И – Магар- бозёбад
10. Л – гаронмоя дайҳимҷӯй; И – гурди гаронмоя дайҳимҷӯй.

www.sattor.com

Ҳама ганҷи Зарвон бар эшон намуд,
Ҳама, ҳар чӣ буд они[1] марди ҷуҳуд.

Равонаш зи Маҳбуд бирён будӣ,
Шаби тира то рӯз гирён будӣ.[2]

Зи Яздон ҳаме хостӣ зинҳор,
Ҳаме рехтӣ хуни дил бар канор.

Ба дарвеш бахшид бисёр чиз,
Забонро[3] пур аз офарин дошт низ,

Ки Яздон бубахшад гуноҳаш магар,
Ситамгар нахонад варо додгар.[4]

Касе, к-ӯ бувад пок[5] яздонпараст,
Наёзад[6] ба кирдори бад эч[7] даст.

Агарчанд бад кардан осон бувад,
Ба фарҷом аз ӯ ҷон[8] ҳаросон бувад.

Агар баддилӣ санги хоро шавад,
Намонад ниҳон, ошкоро шавад.

Агарчанд нарм аст овози ту,
Кушода кунад рӯз ҳам[9] рози ту.

Надорад нигаҳ рози мардум ҷаҳон,
Ҳамон беҳ, ки некӣ кунӣ дар ниҳон.

Чу беранҷ бошиву покизарой,
Аз ӯ баҳра ёбӣ ба ҳар ду[10] сарой.

1. Л –з-они
2. И – б. 1723 нест.
3. И – Забоне
4. Л – нахонад-ш бедодгар.
5. Л – поку
6. Л – Наёрад
7. Л – ҳеҷ; И – Сазад, гар наёзад ба бад ҳеҷ
8. Л – дил
9. И – рӯзҳо
10. Л – ба дигар

www.sattor.com

СОХТАНИ НӮШИНРАВОН ШОРСОНИ СУРСОНРО

Кунун кори Зарвону марди ҷуҳуд
Сар ояд,[1] хирадро бибояд сутуд.

Агар додгар бошӣ, эй шаҳрёр,[2]
Бимониву[3] номат бувад ёдгор.[4]

Тани хешро шоҳи бедодгар
Наёрад ҷуз аз гӯру нафрин ба бар.[5]

Агар пеша дорад дилат ростӣ,
Чунон дон, ки гетӣ ту оростӣ.

Чу хоҳӣ ситоиш паси марги ту,
Хирад бояд, эй тоҷвар, тарги ту.

Чунон, к-аз паси марги[6] Нӯшинравон
Ба гуфтори ман доди ӯ шуд ҷавон.

Аз он пас, ки гетӣ бар ӯ гашт рост,
Ҷуз аз офарин дар бузургӣ нахост.

Бихуфтанд дар дашт хурду бузург,
Ба обишхӯр омад ҳаме мешу гург.

Миҳон кеҳтариро биёростанд,
Ба дайҳим-бар номи ӯ хостанд.

Биёсуд[7] гардан зи банди зиреҳ,
Зи ҷавшан кушоданд гурдон гиреҳ.

Зи кӯполу ханҷар биёсуд дӯш,
Ҷуз овози ромиш наёмад ба гӯш.

---

1. Л – омад.
2. И – сарфароз.
3. ИЛ – Намониву
4. И – бимонад дароз.
5. И – б. 1735 нест.
6. Л- шоҳ.
7. Л – Баросуд.

www.sattor.com

Касеро набуд бо ҷаҳондор тов,
Бипайваст аз ҳар сӯе божу сов.

Ҷаҳондор душворӣ осон гирифт,
Ҳама сози нахчиру майдон гирифт.

Нишаст андар айвони гавҳарнигор,
Ҳаме рой зад бо маю майгусор.

Яке шорсон кард дар роҳи Рум
Фузун аз ду фарсанг болои бум.

Бад-ӯ- андарун коху майдону[1] боғ,
Ба як даст руду ба як даст роғ.

Чунин буд ба Рум- андарун чанд шаҳр,
Ки Кисро бипаймуду бардошт баҳр.

Баровард аз ӯ коххои баланд,
Набуд дар ҷаҳон назди кас нописанд.

Яке кох кард андар ӯ шаҳрёр,
Бад-ӯ андар айвони гавҳарнигор.

Ҳама сар ба сар тоқҳо симу зар,
Бад-ӯ- андарун чанд гуна гуҳар.

Яке гунбад аз обнӯсу зи оҷ,
Ба пайкар зи пиластаву шизу соҷ.

Зи Руму зи Ҳинд он ки устод буд,
В-аз устоди хешаш ҳунар ёд[2] буд.

Аз Эрону[3] аз кишвари Нимрӯз
Ҳама кордонони гетифурӯз

Ҳама кард бар гирди он шорсон,
Ки ҳам шорсон буду ҳам корсон.

Асирон, ки аз Барбар оварда буд,
Зи Буму зи ҷое, ки озурда буд,

1. Л – айвону
2. И – устодияш дар ҳунар дод
3. Л – Зи Тӯрону

www.sattor.com

Бад-ин шорсон- андарун ҷой кард,
Дилоройро кишваророй кард.

Чу аз шаҳр яксар бипардохтанд,
Ба гирд- андараш русто сохтанд.[1]

Биёрост бар ҳар сӯе киштзор,
Замини барӯманду ҳам мевадор.

Гаравгон, ки аз кӯч оварда буд,
Зи Гелону аз ҳар кӣ озурда буд,

Аз ин ҳар якеро яке хона кард,
Ҳама шорсон ҷони бегона кард.

В-аз ин ҳар якеро яке кор дод,
Чу танҳо буд, аз коргар ёр дод.

Яке пешакору дигар киштварз,
Яке он ки паймуд фарсангу марз.

Чи бозоргону чи яздонпараст,
Яке сарфарозу дигар зердаст.

Биёрост он шорсон чун биҳишт,
Надид андар он[2] чашм як ҷои зишт.[3]

Варо Сурсон хонд Кисро ба ном,
Ки дар сур ёбад ҷаҳонҷӯй ком.

Ҷуз аз доду обод кардан ҷаҳон,
Набудаш ба дил ошкору ниҳон,

Замона чу ӯро зи шоҳӣ бибурд,
Ҳамон тоҷи ӯ дигареро супурд.[4]

Чунон дон, ки яксар фиреб асту бас,
Баландиву пастӣ намонад ба кас.

1. И – б. 1758, 1759 нест.
2. Л –дар ӯ
3. И –б. 1761–1766 нест.
4. ТПЗ – Нахоҳад туро мондан ҷовидон,
Бипардоз дилро зи кори бадон.

www.sattor.com

Кунун ҷанги хоқону Ҳайтол гир,
Чу разм оядат пеш, кӯпол гир.[1]

ДОСТОНИ РАЗМИ ХОҚОНИ ЧИН БО ҲАЙТОЛИЁН

Чунин гуфт пурмоя деҳқони пир,
Сухан ҳар чӣ з-ӯ бишнавӣ, ёд гир,

Ки аз номдорони бофарру дод
Ба мардони ҷангиву ганҷи нажод,

Чу хоқони Чин кас[2] набуд аз меҳон,[3]
Гузашта зи Кисро ба гирди ҷаҳон.[4]

Ҳама[5] то лаби рӯди Ҷайҳун зи Чин
Бар ӯ хонданди ба дод офарин.

Сипаҳдор бо лашкару ганҷу тоҷ
Ба Гулзарриюн буд аз он сӯи Чоҷ.

Суханҳои Кисро ба гирди ҷаҳон
Пароканда буд[6] дар миёни меҳон.

Ба мардиву[7] доноиву фарраҳӣ,
Бузургиву оини шоҳаншаҳӣ

Хирадманд хоқон бад-он рӯзгор
Ҳаме дӯстӣ ҷуст[8] бо шаҳрёр.

Ба якчанд биншаст бо ройзан,
Ҳама номдорон шуданд анҷуман.

Ба оғози он ошноӣ нахуст,
Ҳаме аз раду мӯбадон рой ҷуст.

1. ТП – Чӣ гӯяд сухангӯи боофарин,
Зи шоҳу зи Ҳайтолу хоқони Чин.
2. И–чинӣ
3. Л – дар ҷаҳон,
4. Л – Зи Кисро гузашта зи дигар меҳон.
5. ИЛ – Ҳамон
6. ИЛ – шуд
7. И – Зи рою зи
8. И – хост

www.sattor.com

Яке ҳадя орост пас бешумор
Ҳама ёдгор аз дари[1] шаҳрёр.

Зи аспони чиниву дебои Чин,
Зи тахту зи тоҷу зи теғу нигин,

Тароиф,[2] ки бошад ба Чин- андарун,
Биёрост аз ҳар даре сад ҳаюн.

Зи динори чинӣ зи баҳри нисор,
Ба ганҷур фармуд, то сӣ[3] ҳазор

Биёварду[4] бо ҳадяҳо ёр кард,
Даҳ уштур зи ганҷу[5] дирам бор кард.

Сухангӯй марде биҷуст аз меҳон,
Хирадманду гашта ба гирди ҷаҳон.

Бифармуд, то пеши ӯ шуд дабир,
Зи хоқони Чин номае бар ҳарир

Набиштанд бар сони аржанги Чин
Сӯи шоҳ бо сад ҳазор офарин.[6]

Гузар мардро сӯи Ҳайтол буд,
Ҳама роҳ пуртиру кӯпол буд.

Зи Суғд- андарун то ба Ҷайҳун сипоҳ
Кашида рада пеши ҳайтолшоҳ.[7]

Гаве Ғотифар ном солорашон,
Ба разм- андарун номбардорашон.

Чу огаҳ шуд аз кори хоқони Чин,
В-аз он ҳадяи шоҳи Эронзамин,

Зи лашкар ҷаҳондидагонро бихонд,
Сухан сарбасар пеши эшон биронд.

1. И – аз дари номвар.
2. ИЛ – Зароиф
3. Л –сад
4. Л – Биёвард,
5. Л – ганҷи
6. И-б. 1789 нест.
7. И –аз он ҳадяҳо.

www.sattor.com

Чунин гуфт бо саркашон Ғотифар,
Ки «Моро бад омад зи ахтар ба сар,

Агар шоҳи Эрону хоқони Чин
Бисозанду аз дил кунанд офарин,

Ҳарос аст аз ин дӯстӣ баҳри мо,
Ба ду рӯй вайрон шавад шаҳри мо.

Бибояд яке тохтан сохтан,
Ҷаҳон аз фиристода пардохтан».

Зи лашкар яке номвар баргузид,
Сарафрозу ҷангӣ чунон чун сазид.

Ба тороҷ дод он ҳама хоста,
Ҳаюнону аспони ороста.

Фиристодаро сар бибуррид[1] паст,
Зи гурдони чинӣ саворе биҷаст.

Чу огоҳӣ омад ба хоқони Чин,
Дилаш гашт пурдарду сар пур зи кин.

Сипаҳро ба Қочорбошӣ биронд,
Ба чину Хутан номдоре намонд.

Зи хешони Арҷоспу Афросиёб,
Напардахт як тан ба орому хоб.

Бирафтанд яксар зи Гулзарриюн,
Ҳама дил[2] пур аз хашму сар[3] пур зи хун.

Сипаҳдори хоқони Чин Санҷа буд,
Ҳаме б-осмон барзад аз об дуд.

Зи ҷӯши саворон ба Чоч- андарун
Чу гул шуд ба ранг оби Гулзарриюн.

1. ИЛ –буриданд
2. ИЛ –сар
3. ИЛ – дил

www.sattor.com

Чу огоҳ шуд Ғотифар з-он сухун,
Ки хоқони чинӣ чӣ афканд бун,[1]

Сипоҳе зи ҳайтолиён баргузид,
Ки гашт офтоб аз ҷаҳон нопадид.

Зи Балху зи Шукнону Омую Зам,
Силеҳу сипаҳ хосту ганҷи дирам.

Зи Хатлону аз Тирмизу Висагирд,
Зи ҳар сӯ сипоҳ андаровард гирд.

Зи кӯҳу биёбону аз регу шах
Биҷӯшид лашкар чу мӯру малах.

Чу бугзашт хоқон зи рӯди Тарак,[2]
Ту гуфтӣ, ҳаме теғ борад фалак.[3]

Сипоҳ анҷуман кард бар мою марғ,
Сияҳ гашт хуршед чун[4] парри чарғ.

Зи бас найзаву теғҳои бунафш,
Дурафшидани гуна-гуна[5] дирафш

Бухоро пур аз гурзу кӯпол буд,
Ки лашкаргаҳи шоҳи Ҳайтол буд,

Бишуд Ғотифар бо сипоҳе чу кӯҳ,
Зи Ҳайтол гирд оварида гурӯҳ.

Ба ҷанг[6] андаромад зи ҳар сӯ сипоҳ,
Зи тангӣ бубастанд бар бод роҳ.

Яке бод бархост з-абри сиёҳ,
Бишуд рӯшноӣ зи хуршеду моҳ.

Дурахшидани теғҳои сарон,
Гароидани гурзҳои гарон,

1. И –б. 1807–1808 нест.
2. Л – бузург,
3. Л – Або лашкару кӯсу пили сутург.
4. И – Замин гашт монандаи
5. И – Дурахшидани парниёнӣ; Л – ковиёнӣ.
6. Л – танг; И – Чу танг

www.sattor.com

Ту гуфтӣ, ки оҳан забон[1] дораде,
Ҳаво[2] гурзро тарҷумон дораде.

Кашониву суғдӣ шуданд анҷуман,
Пур аз об рух кӯдаку марду зан,

Ки то чун бувад кори он размгоҳ,
Киро тобад он гардиши ҳуру моҳ.

Ба як ҳафта он[3] лашкари размҷӯй
Ба рӯй андароварда буданд рӯй.

Ба ҳар ҷой-бар тӯдаи кушта буд,
Зи хун хоку санг арғувон гашта буд.

Зи бас найзаву гурзу кӯполу теғ,[4]
Ту гуфтӣ, ҳаме санг борад зи меғ.

Ниҳон шуд ба гирд- андарун офтоб,
Пур аз хок[5] шуд чашми парронуқоб.

Ба ҳаштум сӯи Ғотифар гашт гард,
Сияҳ шуд ҷаҳон чун шаби ложвард.

Шикаст андаромад ба ҳайтолиён,
Шикасте, ки бастан-ш то солиён

Надиданду ҳар кас, к-аз эшон бимонд,
Ба дил-дар ҳаме номи Яздон бихонд.

Пароканда бар ҳар сӯе хаста буд,
Ҳама марз пуркуштаву баста буд.

Ҳаме ин бад-ин, он бад-ин гуфт: «Ҷанг
Надидем ҳаргиз чунин бодиранг».

Ҳамоно на мардум буданд он сипоҳ,
Нашоист кардан бад-эшон нигоҳ.

1. И – равон
2. И- Ҳамон
3. Л –бо
4. Л –пӯлодтеғ,
5. И – об

www.sattor.com

Ба чеҳра ҳама дев буданду дад,
Ба дил дур аз андешаи неку бад.[1]

Зи шамшеру аз найзаву гурзу теғ,
Ту гуфтӣ, надонанд роҳи гуреғ.

Ҳама чеҳраи аждаҳо доштанд,
Ҳама тир[2] бар кӯҳ бугзоштанд.

Ҳама ҷангҳошон ба сони паланг,
Нашуд сер дилшон зи разму зи ҷанг.

Яке зини аспон набардоштанд,
Бихуфтанд бар барфу нагзоштанд.[3]

Хӯриш борагиро[4] ҳама хор буд,
Саворе нахуфтиву[5] бедор буд.

Ҳама шаб ба ҷуз ҷастану тохтан,
Тани хеш дар оташ андохтан

Набуду надонист кас хобу х(в)ард,
Магар дев ҷӯяд аз эшон набард.

Надорем, мо тови хоқони Чин,
Гузар кард бояд ба Эронзамин.

Гар эдун, ки фармон барад Ғотифар,
Бубандад ба фармони Кисро камар,

Супорад бад-ӯ шаҳри Ҳайтолро,
Фаромуш кунад[6] гурзу кӯполро.

В-агарна худ аз тухмаи Хушнавоз
Гузинем ҷанговаре сарфароз,

Ки ӯ шод бошад ба Нӯшинравон,
Бад-ӯ давлати пир гардад ҷавон.

---

1. И –б. 1833, 1834 нест.
2. Л –теғ; И – найза
3. И – б. 1837, 1838 нест.
4. Л – Хӯри борагишон
5. И – Яке чун бихуфтӣ, ду
6. И – Бияндозадӯ

www.sattor.com

Бигӯяд бад-ӯ кори[1] хоқони Чин,
Ҷаҳоне бар ӯ-бар кунанд офарин,

Ки бофарру бурз асту бахшу[2] хирад,
Ҳаме ростиро хирад парварад.

Ниҳодаст бар қайсарон[3] божу сов,
Надоранд бо ӯ касе[4] тӯшу тов.

Зи ҳайтолиён кӯдаку марду зан
Бад-ин як сухан- бар шуданд анҷуман.

Чағонӣ гаве[5] буд, фаррухнажод,
Чавону ҷаҳонҷӯю бо бахшу дод.

Хирадманду номаш Фағониш буд,
Ки бо ганҷ бо лашкари хеш буд.

Бузургони Ҳайтолу мардони кин[6]
Ба шоҳӣ бар ӯ хонданд офарин.

ОГОҲ ШУДАНИ НӮШИНРАВОН АЗ КОРИ ҲАЙТОЛИЁН ВА ЛАШКАР КАШИДАН БА ҶАНГИ ЭШОН

Пас огоҳӣ омад ба шоҳи бузург
Зи Хоқон, ки буд[7] номдоре сутург.

Зи Хайтолу гурдони он анҷуман,
Ки омад зи хоқон бар эшон шикан.

Зи шоҳи чағонӣ, ки бо бахти нав
Биёмад, нишаст аз бари тахти нав.[8]

1. Л–варо ҳол
2. Л – мағзу
3. И – хусравон
4. И – ҳаме
5. И – шахе
6. Л – лашкару
7. И –шуд
8. ТПЗ – Гирифт он сари тахти шоҳаншаҳӣ,
Далерону мардони бофарраҳӣ.
Ҳама як ба як пеши тахташ ба пой.
Занад ҳар замон бо бузургон-ш рой.

www.sattor.com

Пурандеша биншаст шоҳи ҷаҳон
Зи гуфтори бедор корогаҳон.

Ба айвон биёрост ҷои нишаст,
Бирафтанд гурдони хусравпараст.

Або мӯбади мӯбадон Ардашер
Чу Шопуру чун Яздгирди дабир.

Ҳама бихрадони[1] намояндароҳ
Нишастанд[2] яксар бари тахти шоҳ.

Чунин гуфт Кисро, ки «эй бихрадон,
Ҷаҳондидаву коркарда радон.

Яке огаҳӣ ёфтам нописанд,
Суханҳои нохуби носудманд.

Зи Ҳайтолу турку зи хоқони Чин,
В-аз он марзбонони Тӯронзамин

Беандоза лашкар шудаст анҷуман,
Зи Чоҷу зи Турку зи Чину Хутан.[3]

Ба як ҳафта бо таргу шамшери кин
Зи аспон набардоштанд эч зин.

Ба фарҷом Ҳайтол баргашта шуд,
Ду баҳра магар хаставу кушта шуд.

Бад-он номдорӣ, ки Ҳайтол буд,
Ҷаҳоне пур аз теғу кӯпол буд.

Шигифт аст, к-омад бар эшон шикаст,
Сипаҳбад мабод эч бо[4] ройи паст.

Агар Ғотифар доштӣ ҳушу[5] рой,
Набурдӣ сипеҳр он сипаҳро зи ҷой.

1. И –мӯбадони
2. И – Бирафтанд
3. Л –б. 1862–1864 нест.
4. Л – мабодо або
5. Л – ному

www.sattor.com

Чу шуд марзи ҳайтолиён пур зи шӯр,
Биҷустанд аз тухми Баҳроми Гӯр.

Навоин яке шоҳ биншонданд,
Саросар бар ӯ офарин хонданд.

Нишастаст Хоқон бад-ин рӯи Чоҷ,
Сарафроз бо лашкару ганҷу тоҷ.

Зи хешони Арҷоспу Афросиёб
Ба ҷуз[1] марзи Эрон набинад ба хоб.

Зи пирӯзии лашкари Ғотифар,
Ҳаме барфарозад зи[2] хуршед сар.

Сазад, гар набошем ҳамдостон,
Ки хоқон бихонад чунин достон.

Кашонизамин[3] подшоҳӣ марост,
Ки доранд аз ӯ чиниён пушт рост.

Ҳама зердастон аз эшон ба ранҷ,
Супурда бад-эшон тану[4] марзу ганҷ.

Чӣ бинед яксар кунун андар ин,[5]
Чӣ созем бо турку хоқони Чин?»[6]

Бузургони дونанда бархостанд,
Ҳама посухашро биёростанд.[7]

Гирифтанд яксар бар ӯ офарин,
Ки «Эй шоҳи некахтару пешбин.

Ҳама марз Ҳайтоли оҳарманд,
Дурӯянду ин марзро душманд.

1. Л –Ҷуз аз
2. Л –ба
3. Л – урушонзамин.
4. И – Ба тороҷ дода ҳама
5. Л – бад-ин андарун,
6. Л –хокон кунун?
7. И–б 1879 нест.

www.sattor.com

Бар эшон сазад, ҳарчи ояд зи бад,
Ҳам[1] аз шоҳ гуфтори некӯ сазад.

Аз эшон агар нестӣ кину дард,
Ҷуз аз хуни он шоҳи озодмард.

Бикуштанд Пирӯзро ногаҳон,
Чунон шаҳрёре чароғи ҷаҳон.

Мабодо, ки бошанд як рӯз шод,
Ки ҳаргиз нахезад зи бедод дод.

Чунин аст бодафраи додгар,
Ҳама бадкунишро бад ояд ба сар.[2]

Зи Хоқон агар шоҳ ронад сухан,
Ки дорад ба дил дарди[3] кини куҳан,

Сазад, гар зи хешони Афросиёб
Бадомӯз дорад ду дида пуроб.

Ва дигар, ки пирӯз шуд, дил гирифт,
Агар з-ӯ битарсӣ, набошад шигифт.

Зи Ҳайтолу аз лашкари Ғотифар,
Макун ёду тимори[4] эшон мах(в)ар.

Зи хешони Арҷосбу Афросиёб,
Зи Хоқон, ки биншаст аз он рӯи об,[5]

Ба равшанравон кори эшон бисоз,
Туӣ бар ҷаҳон шоҳи гарданфароз,

Фурӯғ аз ту гирад равону хирад,
Анӯша касе ки[6] хирад парварад.

Ту донотарӣ аз бузург анҷуман,
Набояд-т фарзонаву ройзан.

1. И – Чу
2. Л –б. 1885, 1886 нест.
3. ИЛ – дарду
4. И –андӯҳи
5. И –б. 1891 нест.
6. ИЛ – к-ӯ.

www.sattor.com

Туро зебад андар ҷаҳон тоҷу тахт,
Ки бофарру аврангиву рою бахт.[1]

Агар шоҳ сӯи Хуросон шавад,
Аз ин подшоҳӣ ҳаросон шавад.

Ҳар он гаҳ ки бешоҳ бинанд[2] бум,
Замон то замон лашкарояд зи Рум.

Аз эрониён боз хоҳанд кин,
Намонад бару буми Эронзамин.

На кас пой бар хоки Эрон ниҳод,
На з-ин подшоҳӣ ба бад кард ёд.

Агар шоҳро рой кин асту ҷанг,
Аз ӯ ром гардад ба дарё наҳанг».

Чу бишнид аз эрониён шаҳрёр,
Зи сулҳу зи пархошу аз корзор,

Бидонист шоҳи ҷаҳонкадхудой,
Ки андар дили бихрадон[3] чист рой.

Касеро набуд размро орзуй,[4]
Ба базму ба ноз- андарун карда хӯй.[5]

Чунин дод посух, к- «Аз Эзад сипос,
К-аз ӯ дорам андар ду гетӣ ҳарос,

Ки шерон аз осоишу[6] хобу х(а)ард,
Фаромӯш карданд гарди[7] набард.

Шуморо аз осоишу базмгоҳ,
Гарон шуд бад-ин сон[8] сар аз размгоҳ.

1. Л – аврангӣ, эй некбахт.
2. И–ёбанд
3. ИЛ – бихрадон
4. Л–кард разм орзу,
5. Л – хӯ; И – б. 1902, 1903 нест.
6. И – гурдон зи осоиши
7. И – яксар
8. И – Ба яксар тиҳӣ шуд

www.sattor.com

Таносон шавад, ҳар кӣ разм[1] оварад,
Зи разм он гаҳе боз базм[2] оварад.

Ба неруи Яздон сари шоҳро
Басечем яксар ҳама роҳро.

Ба сӯи Хуросон кашам лашкаре,
Бихонам сипоҳе зи ҳар кишваре,

Чунин[3] номдорону гурдон, ки ҳаст,
Бубандем кӯс аз бари пили маст,

На Ҳайтол хоҳам, на хоқони Чин,
Ки бар буми Эрон кунанд офарин.

Ҷаҳон аз бадон пок бехав кунам,[4]
Ба доду диҳиш кишваре нав кунам».[5]

Ҳама номдорон фурӯ монданд,
Ба пӯзиш бар ӯ офарин хонданд.

Ки «Эй шоҳи пирӯзи бофарру дод,
Замона ба фармони ту шод бод!

Ҳама номдорон туро бандаем,[6]
Ба фармону роят сарафкандаем.[7]

Ҳар он гаҳ ки фармон диҳад корзор,
Набинад зи мо коҳилӣ шаҳрёр».

В-аз он пас чу биншаст бо ройзан,
Далерон саросар шуданд анҷуман.

Ҳаме рой зад шоҳ, то моҳи нав
Баромад, нишаст аз бари гоҳи нав.

Бидиданд бар чеҳраи шоҳ моҳ,
Хурӯше баромад зи даргоҳи шоҳ.

---

1. Л – ранҷ
2. Л – ранҷи танаш бо ганҷ
3. ИЛ– Ҳамин
4. И – кунем,
5. И-кунем
6. И – бандаанд,
7. И –сарафгандаанд.

www.sattor.com

Чу барзад сар аз кӯҳ рахшон чароғ,
Замин шуд ба кирдори заррин ҷуноғ.

Ту гуфтӣ, ки ҷоме зи ёқути зард
Ниҳоданд бар чодари ложвард.

Хурӯш омаду нолаи говдум,
Бубастанд бар пил рӯинахум.

Дамодам ба лашкаргаҳ омад сипоҳ,
Табиразанон баргирифтанд роҳ.

Ба даргоҳ шуд Яздгирди дабир
Або ройзан мӯбади Ардашер!.

Набиштанд нома ба ҳар кишваре,
Ба ҳар номдореву ҳар меҳтаре,

Ки шуд шоҳ бо лашкару сози разм,
Шумо кеҳтариро масозед базм.

Нафармуд нома ба хоқони Чин,
Фуғонишро ҳам накард офарин.

ЛАШКАР КАШИДАНИ НӮШИНРАВОН БАРОИ ҶАНГИ ХОҚОНИ ЧИН

Яке лашкаре аз Мадоин биронд,
Ки рӯи замин ҷуз ба дарё намонд.[1]

Замин кӯҳ то кӯҳ яксар сипоҳ,
Дирафши ҷаҳондор бар қалбгоҳ.

Яке лашкаре сӯи Гургон кашид,
Ки гашт офтоб аз ҷаҳон нопадид.[2]

Биёсуд[3] чанде зи баҳри шикор,
Ҳаме гашт дар кӯҳу дар марғзор,

1. ТПМ – Зи гарди сипоҳаш замин тира шуд,
Ҳаме дида аз диданаш хира шуд.
2. И – онро карона набудаш падид.
3. ИЛ – Баросуд

www.sattor.com

Ба Суғд- андарун буд хоқон, ки шоҳ
Ба Гургон ҳаме рой зад бо сипоҳ.

Зи хешони Арҷоспу Афросиёб
Шуда Суғд яксар чу дарёи об.

Ҳаме гуфт хоқон: «Сипоҳи маро
Замин барнатобад, на гоҳи маро.

Аз эдар сипаҳ сӯи Эрон кашам,
Ба наздики дашти саворон[1] кашам.

Ҳама хоки Эрон ба Чин оварам,
Ҳама тозиёнро ба дин оварам.

Намонам, ки кас тоҷ дорад, на тахт,
На оини шоҳӣ, на кишвар, на бахт».

Ҳаме буд якчанд бо гуфтугӯй
Ҷаҳонҷӯи болашкару обрӯй.

Чунин то биёмад зи шоҳ огаҳӣ,
К-аз Эрон биҷунбид бо фарраҳӣ.

В-аз он бахти пирӯзу он[2] дастгоҳ
Зи дарё ба дарё кашида сипоҳ.

Бупечид Хоқон, чу огоҳ шуд,
Ба разм- андараш рой кӯтоҳ шуд.

Пурандеша биншаст бо ройзан,
Бузургони лашкар шуданд анҷуман.

Сипаҳдор хоқон ба дастур гуфт,
Ки «Ин огаҳӣ хор натвон нуҳуфт.

Шунидам, ки Кисро ба Гургон расид,
Ҳама рӯи кишвар сипаҳ густарид.

Надорад ҳамоно зи мо огаҳӣ,
Дигар торак аз рой дорад тиҳӣ.

1. Л –В-аз он ҷо ба шаҳри далерон
2. И – бахту пирӯзиву

www.sattor.com

Зи Чин то ба Ҷайҳун сипоҳи ман аст,
Ҷаҳон зери парри[1] кулоҳи ман аст.

Маро пеши ӯ рафт бояд ба ҷанг,
Бипӯшад диранг оташи ному нанг.

Гумонад, к-аз ӯ бугзарӣ, роҳ нест,
В-агар дар замона ҷуз ӯ шоҳ нест.

Биёгоҳад акнун чу ман размҷӯй,
Шавам бо саворони Чин пеши ӯй».

Хирадманд марде ба хоқони Чин
Чунин гуфт, к-«Эй шаҳрёри замин,[2]

Ту бо шоҳи Эрон макун разм ёд,
Мадеҳ подшоҳиву лашкар ба бод.

Зи шоҳон наҷӯяд касе ҷойи ӯй,
Магар тира гардад[3] дилу ройи ӯй.

Ки бо фарри ӯ тахтро шоҳ нест,
Ба дидори ӯ бар фалак моҳ нест.

Ҳаме бож хоҳад зи Ҳинду зи Рум,
Зи ҷое ки ганҷ асту ободбум.

Худованди тоҷ асту зебои тахт,
Ҷаҳондори бедору пирӯзбахт».

Чу бишнид хоқон зи мӯбад сухун,
Яке ройи шоиста афканд бун.

Чунин гуфт бо кордон роҳҷӯй,
Ки инро чӣ бинад хирадманд рӯй?

Ду кор аст пеш омада ногузир,
Ки хомуш нашояд будан хирахир.

Чу аз разми ӯ бор ҷуз ранҷ нест,
Беҳ аз барпарокандани ганҷ нест.

1. Л –фарри
2. И – б. 1549, 1550 нест.
3. ИЛ – бошад

www.sattor.com

Зи динор пӯшиш наёяд на х(в)ард,
На густурданӣ рӯзи нангу набард.

Бад-ӯ эманӣ бояду хӯрданӣ,
Ҳамон пӯшиши нағзу густурданӣ.[1]

Ҳар он кас, ки аз бад ҳаросон шавад,
Дирам хор гирад, таносон бувад.[2]

НОМАИ ХОҚОНИ ЧИН БА НАЗДИ НӮШИНРАВОН

Зи лашкар сухангӯй даҳ баргузид,
Ки ҳам гӯяду гуфта донад шунид.

Яке нома бинвишт бо офарин,
Сухандони чинӣ ба оини Чин.

Бирафт ин хирадёфта даҳ савор
Даҳон[3] пурсухан[4] то дари шаҳрёр.

Ба Кисро чу бардоштанд огаҳӣ,
Биёрост айвони шоҳаншаҳӣ.

Бифармуд, то парда бардоштанд,
Ба даргоҳашон шод бугзоштанд.

Бирафтанд ҳар даҳ бари шаҳрёр
Або номаву ҳадяву бо нисор.

Ҷаҳондор чун дид, бинвохтшон,
Зи хоқон бипурсиду биншохтшон.

Ниҳоданд сар пеши ӯ бар замин,
Бидоданд пайғоми хоқони[5] Чин.

Ба чинӣ яке нома буд бар ҳарир,
Фиристода бинҳод пеши дабир.

---

1. И –б. 1960, 1961 нест.
2. ИЛ – шавад.
3. Л – Ниҳон
4. И – Сипарданд раҳ
5. И – солори

www.sattor.com

Ҷавон Яздгирд он ба хондан гирифт,
Аз ӯ анҷуман монд андар шигифт.

Сари нома буд аз нахуст офарин
Зи додор бар шоҳи Эронзамин.

Дигар сарфарозиву ганҷу сипоҳ,
Силеҳу бузургӣ намудан ба шоҳ.

Се дигар сухан он ки «Фағфури Чин
Маро хонд андар ҷаҳон офарин.

Маро дод беорзу духтараш,
Наҷӯянд ҷуз ройи мо лашкараш.

В-аз он ҳадя, к-аз пеш наздики шоҳ
Фиристоду Ҳайтол баста ба роҳ.

Бад-он кина рафтам ман аз шаҳри Чоч,
Бибистонам[*1] аз Ғотифар ганҷу тоҷ.

Бад-он гуна рафташ зи Гулзарриюн,
Ки шуд лаългун оби Ҷайҳун зи хун.

Зи пирӯзии шоҳу мардонагӣ,
Хирадмандиву шарму фарзонагӣ,

Чу огоҳӣ омад ба Мочину[2] Чин,
Ба гӯянда бархондам офарин.

Ҳаме дӯстӣ ҷустам андар ниҳон,
Ки бошад або шаҳрёри ҷаҳон».

Чу он нома бишниду гуфтори ӯ,[3]
Бузургиву мардиву бозори ӯ,[4]

Фиристодаро ҷойгаҳ сохтанд,
Ситуданд бисёру бинвохтанд.

---

1. М – Ки бистонам
2. Л –бари мо ба
3. ИЛ – ӯй,
4. ИЛ – ӯй,

www.sattor.com

Чу хону май ростӣ майгусор,
Фиристодаро хостӣ шаҳрёр.

Бибуданд як моҳ наздики шоҳ,
Ба айвону базму ба нахчиргоҳ.

Яке боргаҳ сохт рӯзе ба дашт,
Зи гарди саворон ҳаво тира гашт.

Ҳама марзбонони зарринкамар,
Балуҷиву гилӣ ба зарринсипар.

Саросар бад-он боргоҳ омаданд,
Парастанда наздики шоҳ омаданд.

Чу сесад зи болои зарринситом,
Бибурданду шамшери зарринниём.

Дурахшидани теғу ҷӯпину хишт,
Ту гуфтӣ ба зар- андар оҳан сиришт.

Ба дебо биёроста пушти пил,
Бар ӯ тахти пирӯза монанди[1] нил.

Замин пурхурӯшу ҳаво пур зи ҷӯш,
Ҳаме кар шудӣ мардуми тезгӯш.

Зи дашти саворони найзагузор
Бирафтанд яксар бари шаҳрёр.

Фиристодаи Бардаъу Ҳинду Рум,
Зи ҳар шаҳрёре ба ободбум.[2]

Ба чинӣ намуд он, ки шоҳӣ кирост,
Зи хуршед то пушти моҳӣ кирост.

Ба дашт- андар овардгаҳ сохтанд,
Саворони ҷангӣ ҳаме тохтанд.

Ҳаво пур шуд аз ҷӯшу гарди савор,
Замин пур шуд аз олати корзор.

1. ИЛ – ҳамранги
2. Л –б. 1995 нест.

www.sattor.com

Ба кӯполу теғу ба тиру камон
Бигаштанд гарданкашон як замон.

Ҳама дашт жӯпинвару найзадор,
Ба як сӯ пиёда, ба як сӯ савор,

Фиристодагонро зи ҳар кишваре,
Зи ҳар номдореву ҳар меҳтаре

Шигифт омад аз лашкару сози ӯ,
Ҳамон чеҳраву ному овози ӯ.

Ҳадиси фиристодагон дар ниҳон
Бигуфтанд бо шаҳрёри ҷаҳон.

Ба ганҷур фармуд пас шаҳрёр,
Ки орад ба дашт олати корзор.

Биёвард хафтону хӯду зиреҳ,
Бифармуд, то баркушояд гиреҳ,

Кушодабаре[1] гурди зӯрозмой
Набардоштӣ ҷавшани ӯ зи ҷой.

Ҳамон хӯду хафтону кӯполи ӯй
Набардоштӣ ҷуз бару ёли[2] ӯй.

Зи лашкар камонкаш[3] набудӣ чу ӯй,
На аз номдорон чун ӯ[4] ҷангҷӯй.

Ба овардгаҳ рафт чун пили маст,
Яке гурзаи говпайкар ба даст.

Ба зер- андарун бораи гомзан,
Зи болои ӯ хира гашт[5] анҷуман.

Хурӯш омаду нолаи карраной
Ҳам аз пушти пилон ҷаранги дарой.

1. И – Кушодагаве
2. И – пару боли
3. Л – камонвар
4. Л–чун он
5. И –хирасанг

www.sattor.com

Табиразанон пеш бурданд санҷ,
Замин омад аз наъли аспон ба ранҷ.

Шаҳаншоҳ бо хӯду баргустувон[1]
Чапу рост гардону печон инон.

Парастандагон хонданд офарин,
Якояк ниҳоданд сар бар замин.

Ба айвон шуд аз дашт шоҳи ҷаҳон,
Якояк бирафтанд бо ӯ меҳон.

Фиристодагон як ба дигар ба роз
Бигуфтанд, к-«ин шоҳи гарданфароз

Ҳунар ҷӯяду ҳам бупечад инон,
Ба гурдони лашкар намояд синон».

Ҳунарҳо, ки бинмудамон шаҳрёр,
Аз ӯ дошт бояд ба дил ёдгор.

Чу ҳар кас бирафтӣ бари шоҳи хеш,
Сухан доштӣ ёду ҳамроҳи хеш.

Бигуфтӣ, ки «чун шоҳ Нӯшинравон
Ба дида надидаст пиру ҷавон».

ПОСУХИ НОМАИ ХОҚОНИ ЧИН АЗ НӮШИНРАВОН

Бифармуд, то пеши ӯ шуд[2] дабир
Або[3] мӯбади мӯбадон Ардашер.

Ба қиртос - бар номаи хусравӣ,
Нависанда бинвишт бар паҳлавӣ.

Қалам чун ду рухро ба анбар бишуст,
Сари нома кард офарин аз нахуст.

1. И – кабру синон,
2. И – аз
3. И– Ҳамон

www.sattor.com

Бад-он додгар, к-ӯ сипеҳр офарид,
Баландиву жарфиву[1] меҳр офарид.

Ҳама бандагонему ӯ подшост,
Хирад бар тавоноии ӯ гувост.

Нафас ҷуз ба фармони ӯ нагзарад,
Пайи мӯр бе ӯ замин наспарад.

Аз ӯ хостам, то магар офарин
Расонад зи мо сӯи хоқони Чин.

Нахуст он ки гуфтӣ зи ҳайтолиён,
К-аз он гуна бастанд[2] бадро миён.

Ба бедод-бар хира[3] хун рехтанд,
Ба доми ниҳода баровехтанд.[4]

Агар бадкуниш зӯр дорад чу шер,
Набояд, ки бошад[5] ба Яздон далер.

Чу эшон гирифтанд роҳи паланг,
Ту пирӯз гаштӣ[6] бар эшон ба ҷанг.[7]

Ва дигар, ки гуфтӣ зи ганҷу сипоҳ,
Зи нерӯи фағфуру тахту кулоҳ[8]

Касе, к-аз бузургӣ занад достон,
Набошад хирадманд ҳамдостон,

Ту тахти бузургӣ надидӣ, на[9] тоҷ,
Шигифт оядат лашкару марзи[10] Чоч

1. И – тундиву
2. И – Ки бастанд аз он гуна
3. И – бисёр
4. И –худ овехтанд.
5. Л–гардад
6. Л – бошӣ
7. И – б. 2031 нест.
8. И – Дигар он ки гуфтӣ зи тахту кулоҳ,
Зи пирӯзиву фарру ганҷу сипоҳ.
9. И – надидиву
10. И – кишвару ганҷи

www.sattor.com

Чунин бо касе гуфт бояд, ки ганҷ
Набинад на лашкар, на размy[1] на ранҷ.[2]

Бузургони гетӣ маро дидаанд,
Касе к-ам надиданд, бишнидаанд,[3]

Ки дарёи Чинро надорам ба об,
Шавад кӯҳ аз ороми ман пуршитоб.

Саросар замин зери ганҷи ман аст,
Куҷо хоку об аст, ранҷи ман аст.

Се дигар куҷо дӯстӣ хостӣ,
Ба пайванди[4] мо дил биёростӣ.

Ҳаме[5] базм ҷӯӣ, маро нест разм,
Нахаррад касе разм ҳаргиз ба базм.

Ва дигар, ки бо номбардор[6] мард
Наҷӯяд хирадманд ҳаргиз набард,

Бавижа, ки хӯ карда бошад ба ҷанг,
Гаҳи разм ҷустан наҷӯяд диранг.[7]

Басе дида бошад дари корзор,
Нахоҳад гаҳи разм[8] омӯзгор.

Дили хеш бояд, ки дар ҷанги сахт
Чунон ром дорад, ки бо тоҷу тахт.

Туро ёр бодо ҷаҳонофарин,
Бимонод равшан кулоҳу нигин!

Ниҳоданд бар нома-бар номи шоҳ,
Биёрост он[9] хусравӣ тоҷгоҳ.

1. Л – марзу.
2. И – б. 2035 нест.
3. И – Ҳамон дар бузургӣ писандидаанд.
4. И – дидори
5. И–Чу ту
6. И –номдорони
7. И –Ба кин з-ӯ напечад ба дарё наҳанг.
8. И – Набояд гаҳи размаш
9. И – Биёростанд

www.sattor.com

Ба расми Каён хилъат оростанд,
Фиристодаро пеши[1] ӯ хостанд.

Зи пайғом ҳар ч-аш ба дил буд низ,
Ба гуфтор-бар нома бифзуд низ.

Ба хубӣ бирафтанд аз айвони шоҳ,
Ситоишкунон баргирифтанд роҳ.

Расиданд пас пеши[2] хоқони Чин,
Саросар забонҳо пур аз офарин.

Ҷаҳондида хоқон бипардахт ҷой,
Биёмад бари тахти ӯ раҳнамой.

Фиристодагонро ҳама пеш хонд,
Зи Кисро фаровон суханҳо биронд.

Нахуст[3] аз ҳушу донишу ройи ӯй,
Зи гуфтору дидору болои ӯй.

Дигар гуфт: «Чанд аст бо ӯ сипоҳ,
В-аз эшон кӣ дорад[4] нигину кулоҳ?».

Зи доду зи бедоду аз лашкараш,[5]
Ҳам аз кишвару[6] ганҷу аз афсараш.[7]

Фиристода гӯё забон баркушод,
Ҳама дидаҳо[8] пеши ӯ кард ёд.

Ба хоқон чунин гуфт, к- «эй[9] шаҳрёр,
Ту ӯро бад-ин зердастӣ мадор.

1. И – сӯи
2. И – наздики
3. Л – Сухан
4. И –Кӣ дорад зи гурдон
5. Л–кишвараш,
6. Л–лашкару
7. И –ганҷу з-олоту ҳам кишвараш.
8. И – дидаро
9. И – Чунин гуфт, к-эй номвар,

www.sattor.com

Бад-ин рӯзгоре, ки мо назди[1] ӯй
Бибудем шодондилу[2] тозарӯй.[3]

Ба айвони базму ба разму шикор
Надидем ҳаргиз чун ӯ шаҳрёр.[4]

Ба болой сарв асту ҳамзӯри[5] пил,
Ба бахшиш кафаш ҳамчу[6] дарёи Нил.

Чу бар гоҳ бошад, сипеҳри вафост,
Дар овардгаҳ чун наҳанги балост.

Агар тез гардад, биғуррад чу абр,
Аз[7] овози ӯ ром гардад ҳизабр.

В-агар май гусорад ба овози нарм,
Ҳаме дил ситонад ба гуфтори гарм.

Хуҷаста суруш аст бар гоҳу тахт,
Яке борвар шохи зебо дарахт.

Ҳама шаҳри Эрон сипоҳи ваянд,
Парастандагони[8] кулоҳи ваянд.

Чу созад ба дашт- андарун боргоҳ,
Нагунҷад ҳаме дар ҷаҳон[9] он сипоҳ.

Ҳама гурздорон-ш зарринкамар,
Ҳама пешкорон-ш[10] бо зебу фар.

Зи пилону аз пояи[11] тахти оҷ,
Зи аврангу аз ёраву тавқу тоҷ.

1. Л – рӯзгорон кам ояд чун
2. Л – Ба дидори ӯ шоддил,
3. ТПЗ – Ба сад рӯзгорон кам ояд чун ӯй,
Сипахдору фарзонаву тозарӯй.
4. Л – як савор.
5. И – аст бо зӯри
6. И – Кафаш гоҳи бахшиш чу
7. Л –В-аз
8. И –Парастори парри
9. И –замин
10. И –майгусоро-ш
11. И – аспону пилону аз

www.sattor.com

Кас оини ӯро надонад шумор,
Ба гетӣ ҷуз аз додгар Кирдгор.

Агар душманаш кӯҳи оҳан шавад,[1]
Бари хашми ӯ нӯки сӯзан шавад.[2]

Ҳар он кас, ки сер ояд аз рӯзгор,
Шавад тезу бо ӯ кунад корзор.[3]

НОМАИ ХОҚОН ДАР БОРАИ ДОДАН ДУХТАРИ ХЕШРО БА НӮШИНРАВОН

Чу хоқони Чин он суханҳо шунид,
Бипажмурду шуд чун гули шанбалид.

Дилаш з-он суханҳо пур аз бим гашт,
В-аз андеша мағзаш ба ду ним гашт.[4]

Пур аз дард биншаст бо ройзан,
Чунин гуфт бо номдор[5] анҷуман,

Ки «Эй бихрадон, роҳи ин кор чист,
Бар андешаи хаста озор чист?

Набояд, ки пирӯз гашта ба ҷанг,
Ҳама номи мо боз гардад ба нанг».

Зи ҳар гунае мӯбадон сохтанд,
Чапу рост гуфтанду андохтанд.[6]

Чунин гуфт хоқон, ки «Он[7] аст роҳ,
Ки гурде[8] фиристем наздики шоҳ.

Ба андеша дар кор бешӣ кунем,
Бисозему бо шоҳ хешӣ кунем.

1. И – бувад,
2. И – чашми сӯзан бувад.
3. Л – б. 2066 нест.
4. И –б. 2072, 2073 нест.
5. И – номвар
6. ИЛ – оростанд.
7. ИЛ-ион
8. Н – марде

www.sattor.com

Паси пардаи мо басе духтаранд,[1]
Ки бар тораки бонувон афсаранд.[2]

Якеро ба номи шаҳаншаҳ кунем,
Зи кори вай андеша кӯтаҳ кунем.

Чу пайванд созем бо ӯ ба хун,
Набошад кас ӯро ба бад раҳнамун.

Бад-ӯ нозишу сарфарозӣ бувад,
В-аз ӯ бугзарӣ, ҷанг бозӣ бувад».

Радонро писанд омад он ройи шоҳ,
Ба овоз гуфтанд, к-«ин аст роҳ».

Зи лашкар се пурмояро баргузид,
Ки гӯянду донанд посух[3] шунид.

Дари ганҷи динор букшоду гуфт,
Ки «гавҳар чаро бояд андар нуҳуфт?

Магар номро бояду нангро,
В-агар бахшишу базму оҳангро».

Яке ҳадяе сохт, к-андар ҷаҳон
Касе он надид аз кеҳону меҳон.

Дабири ҷаҳондидаро[4] пеш хонд,
Сухан ҳарчи будаш ба дил-бар,[5] биронд.[6]

Нахуст офарин кард бар кирдгор,
Тавонову донову парвардгор.

«Худованди кайвону хуршеду моҳ,
Худованди пирӯзиву дастгоҳ.

Зи банда нахоҳад ҷуз аз ростӣ,
Наҷӯяд[7] ба дод андарун костӣ.

1. Л – духтар аст,
2. Л–афсар аст.
3. Л–гӯянда гуфтор донад
4. Л–нависандаро
5. Л – дар
6. И – ҳама барфишонд.
7. И – Наёрад.

www.sattor.com

В-аз ӯ бод бар шоҳи Эрон дуруд,
Худованди шамшеру кӯполу хӯд.

Худованди донoиву тоҷу[1] тахт,
Зи пирӯзгар ёфта кому бахт.

Бидонад ҷаҳондори[2] хусравнажод,
Хирадманди босангу фарҳангу дод,[3]

Ки мардум ба мардум бувад арҷманд,
Агарчанд бошад бузургу баланд.

Фиристодагони хирадманди ман,
Ки буданд наздику пайванди ман,

Аз он боргаҳ чун бад-ин боргаҳ[4]
Расиданду гуфтанд чанде зи шаҳ.[5]

Зи доду хирадмандиву бахти ӯй,
Зи тоҷу сарафрозиву тахти ӯй,

Чунон орзу хост аз фарри ӯй,
Ки бошем дар сояи парри ӯй.

Гиромитар аз хуни дил чиз нест,
Хирадманд фарзанд бо дил якест.[6]

Яке покдоман, ки оҳистатар,[7]
Накӯтар ба дидору шоистатар

Бихоҳад зи мо, гар писанд оядаш,
Ҳамоно, ки ин[8] судманд оядаш.

Набошад ҷудо марзи Эрон зи Чин,
Физояд зи мо дар ҷаҳон офарин».

1. И – аврангу дайҳиму
2. И – ҷаҳонгнри
3. И –донандаву покзод,
4. ИЛ– боргоҳ
5. ИЛ – шоҳ.
6. И–б. 2108 нест.
7. И – боистатар,
8. Л – он

www.sattor.com

Пас андарнавиштанд чинӣ ҳарир,
Бибурданд бо мӯҳр пеши вазир.

Се марди гаронмояву чарбгӯй
Гузин кард хоқон зи хешони ӯй.

Бирафтанд аз он боргоҳи баланд,
Ба Эрон ба наздики шоҳи баланд.[1]

Се дастору динор чун сӣ ҳазор
Бибурданду карданд пешаш нисор.

Зи заррину симину дебои Чин,
Дурахшонтар аз осмон шуд замин.

Фиристодагонро чу биншонданд,
Ба чинизабон офарин хонданд.

Сазовори эшон яке боргоҳ[2]
Ҳамон гаҳ биёрост дастури шоҳ.

Бигашт андар ин низ як шаб сипеҳр,
Чу барзад сар аз кӯҳ тобандамеҳр,

Нишаст аз бари тахти пирӯза шоҳ,
Зи ёқут бинҳод бар сар кулоҳ.

Бифармуд, то мӯбадону радон
Нишастанд бо номвар бихрадон.

Чунин гуфт, к-«Он номаи бар ҳарир
Биёреду бинҳед пеши дабир».

Ҳама номдорон нишастанд гирд,
Хиромон бари шоҳ шуд Яздгирд.

Чу он нома бар шоҳи Эрон бихонд,
Яке анҷуман дар шигифтӣ бимонд.

---

1. ТПЗЛ – Чу биншаст Кисро, биёрост тоҷ,
Нишаст аз бари хусравӣ тахти оҷ.
Се марди гаронмояи ҳушманд
Расиданд наздики тахти баланд.

2. ИЛ – ҷойгоҳ

www.sattor.com

Зи бас хубиву пӯзишу офарин,
Ки пайдо шуд аз гуфти хоқони Чин,

Ҳама сарфарозони парҳезгор,
Ситоиш гирифтанд бар шаҳриёр.

Ба Яздон сипосу ба Яздон паноҳ,
Ки биншаст як шоҳ бар пешгоҳ,

Ба пирӯзиву фарру авранги шоҳ,
Ба чарбиву нармиву бо сангу ҷоҳ

Ба разм- андарун жандапил аст маст,
Ба базм -андарун моҳи меҳмонпараст.

Ҳама душманон пеши ту[1] кеҳтаранд,
Агар кеҳтариро худ андарх(в)аранд.

Ҳама бим аз ин лашкари Чоҷ буд,
Зи хоқон, ки бо ганҷу бо тоҷ буд.

Ба фарри шаҳаншоҳ шуд некхоҳ,
Ҳаме роҳ ҷӯяд ба наздики шоҳ.

Ҳар он кас, ки дорад зи гурдон хирад,
Таносониву[2] ростӣ парварад.

Чу донист хоқон, ки бо подшоҳ
Натобад,[3] ба пайванди ӯ ҷуст роҳ,

Набояд бар ин кор кардан диранг,
Ки касро[4] зи пайванди ӯ нест нанг.

Зи Чин то Бухоро сипоҳи ваянд,
Ҳама меҳтарон дар паноҳи ваянд.

Чу бишнид гуфтори он бихрадон,
Бузургону бедордил мӯбадон,

1. И – меҳтарон пеши ӯ
2. И – Хирадмандиву
3. Л – Надорад
4. И – шаҳро

www.sattor.com

Зи бегона айвон бипардохтанд,
Фиристодагон пеши ӯ тохтанд.

Шаҳаншоҳ бисёр бинвохтшон,
Ба наздикии тахт[1] биншохтшон.[2]

Паёми ҷаҳонҷӯй бугзорданд,
Ки лаб достонро наёзорданд.

Чу бишнид шоҳ он суханҳои гарм
Зи гурдони чинӣ ба овои нарм,

Чунин дод посух, ки «Хоқони Чин
Бузург асту бодонишу офарин.

Ба фарзанд пайванд ҷӯяд ҳаме,
Рухи дӯстиро[3] бишӯяд ҳаме.

Ҳар он кас, ки дорад равонаш хирад,
Ба чашми хирад корҳо бингарад.

Бисозему ин ройи фаррух ниҳем,
Сухан ҳарчи гуфтаст, посух диҳем.

Чунон бояд акнун, ки хоқони Чин
Кунад аз дили худ бад-ин беҳ гузин.[4]

Якеро фиристам, ки дорад хирад,
Шабистони ӯ сарбасар бингарад.

Яке баргузинад, ки номитар аст,
Ба хоқони Чин-бар гиромитар аст.

Бубинад, ки то чун[5] падар модараш,
Будаст аз нажоди каён[6] гавҳараш.

Чу ин карда бошад, ки кардем ёд,
Суханро ба пайвастагӣ дод дод».

1. И – хеш
2. ТПЗ – Сипаҳдори болашкару ганҷу тоҷ,
Бididанд он баргузинони Чоҷ.
3. И –оштиро.
4. Л –б. 2138, 2139 нест.
5. И – ҳамчун
6. И – Бувад аз нажоди шаҳон

www.sattor.com

Фиристодагон хонданд офарин,
Ки аз шоҳ шод аст хоқони Чин.

Шабистони ӯ гар гуҳарбор меғ,
Бар ӯ ҳам надорад зи Кисро[1] дареғ.

Якеро зи фарзонагон баргузин,
Ки ояд ба наздики хоқони Чин,

Ки дар парда пӯшидарӯёни ӯй
Зи дидори он кас напӯшанд рӯй.

Шаҳаншоҳ[2] бишнид аз эшон сухан,
Бар ӯ тоза шуд рӯзгори куҳан.

ФИРИСТОДАНИ НӮШИНРАВОН МЕҲРОНСИТОДРО БАРОИ ДИДАНИ ДУХТАРИ ХОҚОН

Нависандаи номаро пеш хонд,
Зи хоқон фаровон суханҳо биронд.

Бифармуд, то нома посух навишт,[3]
Гузини[4] суханҳои фаррух навишт[5]

Нахуст офарин кард бар Кирдгор,
Ҷаҳондору пирӯзу[6] парвардгор.

Ба фармони ӯяст гетӣ ба пой,
Ҳам[7] ӯяст бар неку бад раҳнамой.

Касеро ки хоҳад, кунад арҷманд,
Зи пастӣ барорад ба чархи баланд.

Дигар монда андар бади рӯзгор,
Чу некӣ нахоҳад бад-ӯ Кирдгор.

1. И – Шавад, ӯ зи Кисро надорад
2. И – Шаҳаншаҳ чу
3. И – набишт,
4. ИЛ –Гузида
5. И -– набишт.
6. Л – Чаҳондори пирӯз,
7. Л – Ки.

www.sattor.com

Ба ҳар неку бад з-ӯ пазирам сипос,
В-агар бад кунам, з-ӯ дил андар ҳарос.

Нахоҳад, ки ҷон бошаду ҳам[1] дилам,
Агар биму уммед аз ӯ бугсилам.

Расид ин фиристодаи б-офарин
Або хубгуфтори[2] хоқони Чин.

Шунидам зи пайвастагӣ ҳар чӣ гуфт,
Зи покон, ки ӯ дорад андар нуҳуфт.

Маро шод шуд[3] дил зи пайванди ӯй,
Бавижа зи пӯшида фарзанди ӯй,

Фиристодам инак яке ҳушманд,
Ки дорад хирад ҷони ӯро баланд.

Биёяд, бигӯяд ҳама рози ман,
Зи фарҷом пайванду оғози ман.

Ҳамеша туро ҷон пур аз шарм бод,
Дилат шоду пуштат ба мо гарм бод.

Нависанда чун хома[4] бекор гашт,
Биёрост қиртосу андарнавашт.[5]

Ҳаво[6] чун сиришки қалам кард хушк,
Ниҳоданд мӯҳре бар ӯ-бар зи мушк.

Бар эшон яке хилъат афканд шоҳ,
К-аз он монд андар шигифтӣ сипоҳ.

Гузин кард пире хирадманду род,
Куҷо номи ӯ буд Меҳронситод.

В-аз эрониён номвар сад ҳазор
Сухангӯву шоиставу номдор.

1. ИЛ – Нахоҳам, ки ҷон бошад андар
2. Л – чарбгуфтори
3. Л – шодии дил
4. И – Зи анбар чу қиртос
5. И – унвону андарнавашт.
6. И –Ҳамон

www.sattor.com

Чунин гуфт Кисро ба Меҳронситод,
Ки «Шав[1] шоду пирӯзу бо меҳру дод.

Равону забон[2] боядат чарбгӯй,
Хирад раҳнамову дил озармҷӯй.

Шабистони ӯро нигаҳ кун нахуст,
Баду нек, бояд, ки дорӣ[3] дуруст.

Ба ороишу чеҳраву зарру[4] зеб,
Набояд, ки гирандат андар фиреб.

Паси пардаи ӯ яке духтар аст,
Ки бо бурзи болову боафсар аст.

Парасторзода наёяд ба кор,
Агарчанд бошад падар шаҳрёр.

Нигар, то кадом аст бошарму[5] дод,
Зи[6] модар кӣ дорад зи хотун нажод».[7]

Агар[8] гавҳари тан бувад бонажод,
Ҷаҳон з-ӯ шавад[9] шоду ӯ низ шод».[10]

Чу бишнид Меҳронситод ин зи шоҳ,
Басе офарин кард бар тоҷгоҳ.

Бирафт аз дари гоҳи гетифурӯз
Ба фархунда ҳангоми хурдодрӯз.

Ба хоқон чу огоҳӣ омад зи роҳ,
Пазира фиристод пешаш сипоҳ.

---

1. ИЛ – Рав
2. Л – Забону гумон
3. ИЛ – донӣ
4. ИЛ – фарру
5. Л – меҳру
6. ИЛ – Ба
7. ТПЗИ – Набера сарафроз* фағфури Чин,
Падар шоҳ** хоқони боофарин.
* Й – Ниё шоҳи бододи ** И-гурди
8. И – Киро
9. И – бувад
10. Л – б, 2175 нест.

www.sattor.com

Чу омад ба наздики хоқони Чин,
Заминро бибӯсиду кард офарин.

Ҷаҳонҷӯй чун дид, бинвохташ,
Яке моявар ҷойгаҳ сохташ.

Аз он кор мағзаш пурандеша гашт,
Ба сӯи шабистони хотун гузашт.

Суханҳои Нӯшинравон[1] баркушод,
Зи ганҷу зи лашкар ҳаме кард ёд.

Чунин[2] гуфт, к-«Ин шоҳ Нӯшинравон[3]
Ҷавон асту бедору бахташ ҷавон.

Яке духтаре дод хоҳам бад-ӯй,
Ки моро физояд бад-ӯ обрӯй.

Маро дар паси парда як духтар аст,
Ки ӯ бар сари бонувон афсар аст.

Ба дидори ӯ нест андар чаҳон,
Фаровон зи ман хостандаш меҳон.

Маро орзу нест аз меҳри ӯй,
Ки бинанда[4] бардорам аз чеҳри ӯй[5].

Чаҳор аст низ аз парастандагон,
Парастору бедордил бандагон.

Аз эшон якеро супорам бад-ӯй,
Баросоям аз ҷангу аз гуфтугӯй.

Бад-ӯ гуфт хотун, ки «Бо ройи ту
Нагирад кас андар ҷаҳон ҷойи ту».

Бар ин гуфта[6] як шаб бипаймуд хоб,
Чунин то баромад зи кӯҳ[7] офтоб.

1. И-Нӯширвон
2. Л-Бад-ӯ
3. И-Нӯширвон
4. И-ду дида
5. Л-б. 2185-2187 нест.
6. Пурандеша
7. И – баланд

www.sattor.com

Биёмад бари гоҳ Меҳронситод,
Бари тахти ӯ рафту нома бидод.

Чу он нома бархонд хоқони Чин,
Зи паймон бихандиду аз беҳ гузин.

Калиди шабистон бад-ӯ доду гуфт:
«Бирав, то киро бинӣ андар нуҳуфт?»

Парастанда бо ӯ биёмад чаҳор,
Ки хоқон бад-эшон будӣ устувор.

Чу Меҳронситод он суханҳо шунид,
Биёвард бо устуворон калид.

Дари ҳуҷра букшоду андаршуданд.
Парастандагон достонҳо заданд.

Ки онро, ки акнун ту бинӣ ба роҳ,
Ситора надиду на хуршеду моҳ.

Шабистон биҳиште буд ороста,
Пур аз моҳу хуршеду аз хоста.

Паричеҳра бар гоҳ биншаст панҷ,
Ҳама дар сар он тоҷу дар зер ганҷ.

Магар духти хотун, ки афсар надошт,
Ҳамон ёраву тавқу гавҳар надошт.

Яке ҷома буд дошта бар бараш,
Кулоҳе зи мушк эзадӣ бар сараш.

Зи карда ба рух- бар нигораш набуд,
Ҷуз ороиши Кирдгораш набуд.

Яке сарв буд бар сараш моҳи нав,
Фурӯзон зи дидори ӯ гоҳи нав.

Чу Меҳронситод андар ӯ бингарид,
Якеро ба дидор чун ӯ надид.

www.sattor.com

Бидонист бинодили ройрод,[1]
Ки дуранд хоқону хотун зи дод.

Ба дастору дастон ҳаме чашми ӯй
Бипӯшид, аз он тоза шуд хашми ӯй.

Парастандаро гуфт: «Наздики шоҳ
Фаровон бувад ёраву тоҷу гоҳ.

Ман инро, ки бетоҷу ороиш аст,
Гузидам, ки ин андар афзоиш аст.[2]

Ба ранҷ аз пайи беҳгузин омадам,
На аз баҳри дебои Чин омадам».

Бад-ӯ гуфт хотун, ки «Эй марди пир,
Нагӯӣ ҳаме як сухан дилпазир.

Меҳонро, ки бо фарру зебанду[3] рой,
Дилафрӯз гашта, расида ба ҷой.

Ба болой сарву ба рух чун баҳор,
Бидонад парастидани шаҳрёр.

Ҳаме кӯдаке норасида ба ҷой,
Бар ӯ баргузинӣ, наӣ[4] некрой».

Чунин посух овард Меҳронситод,
Ки «Хоқон агар сар напечад зи дод,

Бидонад, ки шоҳи ҷаҳонкадхудой
Нахонад маро пири[5] нопокрой.

Ман инро писандам, ки бар тахти соҷ
Надорад зи бун зевару[6] тавқу тоҷ.

Агар меҳтарон ин набинанд рой,
Чу фармон бувад, бозгардам ба ҷой».

1. Л–додрод,
2. Л– фарзанди хотун-хоқоннажод?
3. Л – Ту онро, ки бофарру бурз асту
4. Л – Туй
5. Л – низ
6. Л – зар ёвару

www.sattor.com

Нигаҳ кард хоқон ба гуфтори ӯй,
Шигифт омадаш рою кирдори ӯй.[1]

Бидонист, к-он пири покизамағз
Бузург асту шоистаи кори нағз.

Хирадманд биншаст бо ройзан,
Биполуд аз айвони шоҳ анҷуман.

Чу пардахт[2] шуд ҷойгоҳи нишаст,
Бирафтанд бо зиҷи румӣ ба даст

Ситорашиносону кундоварон,
Ҳар он кас, ки буданд аз эшон сарон.

Бифармуд, то ҳар киро буд меҳр,
Биҷустанд яксар шумори сипеҳр.[3]

Ҳаме кард мӯбад ба ахтар нигоҳ,
Зи кирдори хоқону пайванди шоҳ.

Чунин гуфт фарҷом, к-«Эй шаҳрёр,
Дилатро ба бад ҳеҷ ранҷа мадор,

Ки ин кор ҷуз бар беҳӣ нагзарад,
Ба бадрой душман замин наспарад.

Чунин аст ройи сипеҳри баланд,
Ҳамин[4] гардиши ахтари судманд.

Аз ин духти хоқону аз пушти шоҳ
Биёяд яке шоҳ зебои гоҳ.

Бар ӯ шаҳри Эрон кунанд офарин,
Ҳамон пурҳунар сарфарозони[5] Чин».

---

1. ТПЗ – Пас аз пеши хотун биёмад бурун,
Ба наздики хоқон шуд он пурфусун.
Бигуфташ бад-ӯ, он куҷо рафта буд,
Чу хоқон варо дид, к-ошуфта буд.
2. И –пардахта
3. И –б. 2223, 2224 нест.
4. Л – Ҳамон
5. И – номдорони

www.sattor.com

ФИРИСТОДАНИ ХОҚОНИ ЧИН ДУХТАРРО ҲАМРОҲИ МЕҲРОНСИТОД НАЗДИ НӮШИНРАВОН

Чу бишнид хоқон, дилаш гашт х(в)аш,
Бихандид хотуни хуршедфаш.

Чу аз чора дилҳо бипардохтанд,
Фиристодаро пеш биншохтанд.

Бигуфтанд чизе, ки боист гуфт,
Зи фарзанди хотун, ки буд дар нуҳуфт.

Бипазруфт Меҳронситод аз падар
Ба номи шаҳаншоҳи пирӯзгар.

2235 Миёнҷӣ бипазруфту хоқон бидод,
Якеро, ки дорад зи хотун нажод.[1]

Парастандагон бо нисор омаданд,
Ба шодӣ бари шаҳрёр омаданд.

В-аз он пас яке ганҷи ороста,
Бад-ӯ-дар зи ҳар гунае хоста.

Зи динору аз гавҳару тавқу тоҷ,
Ҳамон маҳди пирӯзаву тахти оҷ.

Яке дигар аз уди ҳиндӣ ба зар,
Бар ӯ бофта[2] чанд гуна гуҳар.

2240 Або ҳар яке афсаре шоҳвор,
Сад аспу сад уштур ба зину ба бор.

Шутур бор карда зи дебои Чин,
Биёроста пушти аспон ба зин.

Чиҳил тойи дебои зарбафтгун,
Кашида забарҷад ба зар андарун.

Сад уштур зи густурданӣ бор кард,
Парастанда сесад падидор кард.

1. И-б. 2235 нест.
2. ИЛ – тофта

www.sattor.com

Ҳаме дид, то ҳар яке барнишаст
Ба[1] оини Чин бо дирафше ба даст.

Бифармуд хоқон ба пирӯзбахт,
Ки бинҳанд бар кӯҳаи пил тахт.

Бар ӯ бофта шафшаи симу зар,
Ба шафша - дарун нобисуда гуҳар.

Дирафше дурафшон зи дебои Чин,
Ки пайдо набудӣ зи дебо замин.

Ба сад мардаш аз ҷой бардоштӣ,
Зи ҳомун ба гардун барафроштӣ.

Зи[2] дебо биёрост маҳде зи[3] зар,
Ба маҳд- андар аз ҳар шуморе гуҳар.[4]

Чу сесад парастор бо моҳрӯй,
Бирафтанд шодондилу роҳҷӯй.

Фиристод фарзандро назди шоҳ,
Сипоҳе ҳамерафт бо ӯ ба роҳ.

Парастанда дар пеш[5] ходим чиҳил
Бар ӯ баргузаштанд шодон ба дил.[6]

Чу пардахта шуд з-он, биёмад дабир,
Биёвард мушку гулобу ҳарир.

Яке нома бинвишт зӣ шаҳрёр
Пуророишу бӯю рангу нигор.

Нахустин ситуд офаринандаро,
Ҷаҳондори бедори бинандаро,

Ки «Ҳар чиз, к-ӯ созад андар бувиш,
Бад-он сӯ кашад бандагонро равиш.

---

1. ИЛ – Бар
2. И –Ба
3. И-ба
4. ЛМ – Ба дебо биёроста маҳди зар,
   Ба маҳд -андарун нобисуда гуҳар.
5. Л – Фиристодае бисту
6. ИЛ – шодон дил.

www.sattor.com

Шаҳаншоҳи гетӣ маро афсар аст,
На пайванди ӯ аз пайи духтар аст,

Ки ман то шунидастам аз бихрадон,
Бузургону бедордил мӯбадон,

Зи фарру бузургиву авранди шоҳ,
Бичустам ҳаме роҳи пайванди шоҳ,

Ки андар чаҳон сарбасар додгар
Ҷаҳондор чун ӯ набандад камар.[1]

Ба мардиву пирӯзиву дастгоҳ,
Ба фарру ба бурзу ба тахту кулоҳ,

Ба доду ба дониш ба дину хирад,
Варо покяздон ҳаме парварад.

Фиристодам инак чаҳонбини хеш
Сӯи шоҳ[2] Кисро ба[3] оини хеш.

Бифармудамаш, то бувад бандавор,
Чу ояд паси пардаи шаҳрёр,

Хирад гирад аз фарру фарҳанги ӯ,
Биёмӯзад оину оҳанги ӯ,

Ки бахту хирад раҳнамуни ту бод,
Бузургиву дониш сутуни ту бод!»

Ниҳоданд мӯҳр аз бари мушки Чин,
Фиристодаро доду кард офарин.

Яке хилъат аз баҳри Меҳронситод
Биёрост, к-он кас надорад ба ёд,

Ки додӣ касе аз меҳони чаҳон
Фиристодаро ошкору ниҳон.

1. И – б. 2260 нест.
2. И – Ба наздики
3. Л – бар

www.sattor.com

Ҳамон низ ёрон-шро ҳадя дод,
Зи динору аз мушкашон баҳра дод.[1]

Ҳамерафт бо духтару хоста,
Саворону пилони ороста.

Чунин то лаби рӯди Ҷайҳун кашид,
Ба мижгон ҳаме аз дилаш хун кашид.[2]

Ҳаме буд, то рӯд бугзоштанд,
Ба хушкӣ бад-он рӯй бардоштанд.[3]

Зи Ҷайҳун диле пур зи хун бозгашт,
Зи фарзанд бо дард анбоз гашт.

Чу огоҳӣ омад зи Меҳронситод,
Ҳаме ҳар касе ҳадяву мужда дод.

Якояк ҳаме хонданд офарин
Абар[4] шоҳи Эрону солори Чин.

Диле шод бо ҳадяву бо нисор,
Ҳама мизбону[5] ҳама дӯстдор.

Бубастанд озин ба шаҳру ба роҳ,
Дирам рехтанд аз бари духти шоҳ.

Ба Омую роҳи биёбону Марв
Замин буд яксар чу парри тазарв.

Чунин то ба Бастому Гургон расид,
Ту гуфтӣ, замин осмонро надид.

Зи озину гунбад ба шаҳру ба дашт,
Ба роҳе, ки лашкар ҳаме баргузашт.

Зи айвон ҳама кӯдаку марду зан
Ба роҳи бути Чин шуданд анҷуман,

1. Л – б. 2269, 2270 нест.
2. ЛМ – чакид.
3. Л – б. 2273 нест.
4. И –Або
5. И – мехрубону

www.sattor.com

Зи боло бар эшон дирам[1] рехтанд,
Зи мушку зи анбар ҳаме пехтанд.[2]

Баромехта таштҳои халуқ
Ҷаҳон шуд пур аз нолаи кӯсу буқ.

Ҳама ёли[3] аспон пур аз мушку май,
Шакар бо дирам рехта зери пай.

Зи бас нолаи ною чангу[4] рубоб
Набуд бар замин ҷои орому хоб.

Чу омад бут андар шабистони шоҳ,
Ба маҳд- андарун кард Кисро нигоҳ.

Яке сарв дид аз бараш, гирдмоҳ,
Ниҳода зи[5] маҳ- бар зи анбар кулоҳ.

Кулоҳе дигар буд,[6] мушкин зиреҳ,
Чу занҷир гашта[7] гиреҳ бар гиреҳ.

Гиреҳ баста аз тору бартофта,
Ба афсун як андар дигар бофта.

Чу аз ғолия бар гул ангуштарӣ,
Ҳамон зери ангуштарӣ муштарӣ.

Дар ӯ шоҳ Нӯшинравон хира монд,
Бар ӯ номи Яздон фаровон бихонд.

Сазовори ӯ ҷой бигзид шоҳ,
Биёростанд аз пайи моҳ гоҳ.

1. Л–гуҳар
2. И – бехтанд; Л – Ба пай заъфарону дирам бехтанд.
3. И – наъли
4. И – чангу бонги
5. И – ба
6. Л – ба кирдори
7. Л – Табоеъ кашида

www.sattor.com

БОЗГАШТАНИ ХОҚОН ВА ЛАШКАР КАШИДАНИ НӮШИНРАВОН СӮИ ТАЙСАФУН

Чу огоҳӣ омад ба хоқони Чин
Зи[1] Эрону аз шоҳи Эронзамин.

В-аз он шодмонӣ ба фарзанди ӯй,
Шудан шоҳ[2] хуррам ба пайванди ӯй.

Бипардахт Суғду Самарқанду Чоч,
Ба Қӯчқорбошӣ[3] фиристод тоҷ.[4]

Ҷаҳон нав шуд аз доди Нӯшинравон,
Бихуфтанд бар пушт пиру ҷавон.

Якояк ҳаме хонданд офарин
Ба ҳар ҷой бар шоҳи Эронзамин.

Ҳама даст бардошта б-осмон,
Ки «Эй кирдгори макону замон,

Ту ин дод бар шоҳ Кисро бидор,
Бигардон зи ҷонаш бади рӯзгор,[5]

Ки аз фарру авранги ӯ дар ҷаҳон,
Бадӣ дур гашт ошкору ниҳон».

Ба нахчир чун ӯ ба Гургон расид,
Кушода касе рӯи хоқон надид!

Бишуд хӯрду хоб аз саворони Чин,
Саворе набардошт аз асп зин.

Пароканда шуд турк сесад ҳазор,
Ба ҷое набуд кӯшиши корзор.

Камоне набоист кардан ба зеҳ,
На кеҳ монд эдар зи чинӣ, на меҳ.

---

1. ИЛ – Аз
2. Л – шоду
3. Л – Қӯҷқорбошӣ
4. ТПЗЛ – Аз ин шаҳрхо чун бирафт ин сипоҳ,
Ҳама марзбонон фиристод шоҳ.
5. ТПМ – Нигаҳ дор аз бад тану ҷони ӯй,
Ҷахон дор дар зери фармони ӯй.

www.sattor.com

Бад-ин сон бо[1] фарру бурзи каён
Ба нахчир биштофт[2] шери жиён,

Ки бо номи вай[3] ахтари шоҳ буд,
Ки бо тахти вай[4] бахт ҳамроҳ буд.

В-аз он пас бузургон шуданд анҷуман
Зи Омӯй то шаҳри Чоҷу Хутан

Бигуфтанд, к-ин шаҳрҳои фарох,
Пур аз боғу майдону айвону кох,

Зи Чоҷу Тарак то Самарқанду Суғд
Басе буд вайрону ороми чуғд.

Чағониву Бомиву Хатлону Балх,
Шуда рӯз бар ҳар касе тору талх.

Бухорову Хоразму Омую Зам,
Басе ёд дорем бо дарду ғам.

Зи бедоду аз ранҷи Афросиёб
Касеро набуд ҷои орому хоб.

Чу Кайхусрав омад, бирастем аз ӯй,
Ҷаҳоне шуд осуда аз гуфтугӯй.

В-аз он пас чу Арҷосп шуд зӯрманд,
Шуд ин марзҳо пур зи дарду газанд.

Аз Эрон чу Гуштосп омад ба ҷанг,
Надид эч Арҷосп ҷои диранг.

Биёсуд гетӣ зи кирдори ӯй,
Ки ҳаргиз мабодо фалак ёри ӯй!

В-аз он пас чу Нарсӣ сипаҳдор гашт,
Ҳама марзҳо пур зи тимор гашт.

1. Л – бувад
2. Л – оҳанги
3. Л – ному паю
4. Л – Куҷо тахт бо

www.sattor.com

Чу Шопури Ҳурмузд бигрифт ҷой,
Надонист Нарсӣ сарашро зи пой.

Ҷаҳон сӯи дод омаду эманӣ,
Зи бад баста шуд дасти оҳарманӣ.

Чу хоқон ҷаҳон бистад аз Яздгирд,
Ба бад тездастӣ баровард гирд,

Биёмад чаҳондор Баҳроми Гӯр,
Аз ӯ гашт хоқон пур аз дарду шӯр.

Шуд аз доди ӯ ин ҷаҳон чун биҳишт,
Пароканда шуд кори нохубу зишт.

Ба ҳангоми Пирӯз чун Хушнавоз,
Ҷаҳон кард пурҷавру гурму[1] гудоз.

Мабодо Фуғониш фарзанди ӯй,
На хешони бедоду пайванди ӯй!

Ҷаҳондор Кисро кунун марзамон[2]
Бипазруфту пурмоя кард арзамон.[3]

Ҷаҳон сарбасар чун тан асту сар ӯ,[4]
Бимонод то ҷовидон эдар[5] ӯ!

Чу з-ин сон замин дод бинад кунун,
Набинем ранҷу нарезанд хун.

В-аз он пас зи Ҳайтолу Турку Хутан,
Ба Гулзарриюн баршуданд анҷуман.

Ба ҳар сӯ, ки мӯбад будӣ кордон,
Раде поку ҳушёру бисёрдон.

Зи туркон ҳар он кас, ки буд ройзан,
Ба наздики ӯ шуд бузург анҷуман.[6]

1. Л – пур гурму дарду
2. Л – марзи мо
3. Л – гашт арзи мо.
4. Л – яксара бод маъвои ӯй,
5. Л –ҷои
6. ИЛ –б. 2331 нест.

www.sattor.com

Чунон рӯй диданд яксар сипоҳ,
Ки оянд бо ҳадя наздики шоҳ.

Чу наздики Нӯшинравон омаданд,
Ҳама якдилу якзабон омаданд,

Чунон гашт аз анбӯҳ даргоҳи шоҳ,
Ки бастанд бар мӯру бар пашша роҳ.[1]

Ҳама барниҳоданд сар бар замин,
Ҳама шоҳро хонданд офарин.

Бигуфтанд, к-«Эй шоҳ, мо бандаем,
Ба фармони ту бар[2] ҷаҳон зиндаем,

Ҳама сарфарозем бо сози ҷанг,
Ба ҳомун бидаррем чарми паланг».

Шаҳаншаҳ бипазруфт аз эшон нисор,
Бирафтанд пас аз дари шаҳрёр.[3]

Аз эшон Фуғониш буд пешрав,
Сипоҳе пасаш ҷангсозони нав.

Зи гурдон чу хушнуд шуд шаҳрёр,
Биёмад ба даргоҳ солори бор.

Бипурсид бисёру бинвохтшон,
Ба ҳар барзане ҷойгаҳ сохтшон.

В-аз он пас шаҳаншоҳи яздонпараст
Ба хок омад аз ҷойгоҳи нишаст.

Ситоиш ҳаме кард бар Кирдгор,
Ки «Эй бартар аз гардиши рӯзгор,

Ту додӣ маро фарру[4] фарҳангу рой,
Ту бошӣ ба ҳар неку бад[5] раҳнамой,

---

1. И–б. 2334 нест.
2. Л –дар
3. И –б. 2335–2338 нест.
4. И – хушу
5. Л–некие

www.sattor.com

Ки ҳар кас, ки ёбад[1] зи ман огаҳӣ,
Аз он пас наҷӯяд кулоҳи меҳӣ.

Ҳама кеҳтариро бисозанд кор,
Надорад касе заҳраи корзор.

Ба кӯҳ- андарун мурғу моҳӣ дар об,
Чу ман хуфта бошам, биҷӯянд хоб,

Ҳама дому дад посбони мананд,
Меҳони чаҳон кеҳтарони мананд.

Киро баргузинӣ ту, ӯ хор нест,
Ҷаҳонро ҷуз аз ту ҷаҳондор нест.

Ту нерӯ диҳӣ, то магар дар ҷаҳон
Нахуспад зи ман мӯр хаста ниҳон.

Чунин пеши Яздон фаровон гирист,
Нигар, то чунин дар ҷаҳон шоҳ кист?

БОЗОМАДАНИ НӮШИНРАВОН БА ЭРОНЗАМИН БА ПИРӮЗӢ

Ба тахт омад аз ҷойгоҳи намоз,
Сипоҳаш[2] ба рафтан гирифтанд соз.

Баромад хурӯшидани говдум
Зи даргоҳу[3] овози рӯинахум.[4]

Зи Яздони некидиҳиш кард ёд,
Сипаҳ барнишасту буна барниҳод.

Зи динору дебову тоҷу камар,
Зи ганҷи дирам, ҳам зи ганҷи гуҳар.

Зи аспону пӯшидарӯёну тоҷ,
Дигар маҳди пирӯзаву тахти оҷ.

1. Л –ояд ба ҳар кас
2. И – Зи гурдон; Л – Зи Гургон
3. ИЛ – даргоҳ,
4. Л – зарринаҳум.

www.sattor.com

Нишастанд бар зин парастандагон,
Дилорову[1] ҳар гунае бандагон,[2]

Фиристод яксар сӯи Тайсафун,
Буторои[3] чинӣ ба пеш-андарун.

Ба фархунда фолу ба равшан равон[4]
Бирафтанду гирд- андараш ходимон.

Сари мӯбадон буд Меҳронситод,
Бишуд бо шабистони хоқоннажод.

Сӯи Тайсафун рафт ганҷу буна,
Сипоҳе намонд аз ялон як тана.

Ҳама вижа гурдону озодагон
Биёмад сӯи Озарободагон.

Сипоҳе биёмад зи ҳар кишваре,
Зи Гелону аз Дайламон лашкаре,

Зи кӯҳи Балуҷу зи дашти Саруч
Бирафтанд ханҷаргузорони[5] Куч.

Ҳама пок бо ҳадяву бо нисор,
Ба пеши саропардаи шаҳрёр.

Бад-он шод шуд шаҳрёри бузург,
Ки аз меш кӯтоҳ шуд чанги гург.

Ҷаҳон то ҷаҳон буд, кӯче[6] набуд,
Магар шаҳр аз эшон пур аз доғу дуд.

Ба фарри ҷаҳондор[7] Кисро сипеҳр
Дигаргунатар шуд ба оину меҳр.

---

1. Л – Буторову
2. ТП – Чу ороста гашташон корҳо,
   Ҳамон боркашҳову ҳам борҳо.
3. Л – Шабистони
4. ИЛ – рӯз осмон.
5. И – ханҷаргузорон ба
6. ИЛ – булӯҷе
7. И – ҷаҳонҷӯй

www.sattor.com

Ба шаҳре куҷо баргузаштӣ сипоҳ,
Наёзорадӣ киштманде ба роҳ.

Начустӣ касе аз касе нону об,
Ба раҳ-бар биёростӣ ҷои хоб.

Бар ин сон ҳаме гирди гетӣ бигашт,
Нигаҳ кард ҳар ҷои ҳомуну дашт.

Ҷаҳон дид яксар пур аз киштманд,
Дару дашт пургову пургӯсфанд.

Замине, ки обод ҳаргиз набуд,
Бар ӯ-бар надиданд кишту дуруд,

Нигаҳ кард Кисро барӯманд ёфт,
Ба ҳар хонае чанд фарзанд ёфт.

Хамида сар аз бор шохи дарахт
Ба фарри ҷаҳондори бедорбахт.[1]

Чу якчанд баргашт гардуни моҳ,
Фиристодаи Қайсар омад зи роҳ.[2]

Або ҳадяву ҷомаву симу зар,[3]
Зи дебои румиву румӣ гуҳар.

Нисоре, ки пӯшида шуд рӯи бум,
Чунон бож ҳаргиз наёмад зи Рум.

Зи динор пур карда даҳ чарми гов,
Сесола фиристода шуд божу сов.

Зи Қайсар яке номае бо нисор
Набишта бари[4] номвар[5] шаҳрёр.

Фиристодаро пеш биншонданд,
Нигаҳ кард,[6] то нома бархонданд.

1. ИЛ – пирӯзбахт.
2. Л – Ба манзил расиданд шоҳу сипоҳ; Л –Ба манзил расиданд наздики шоҳ.
3. Л – симу хам тахти зар,
4. Л – Навишта сӯи
5. И – Бад-он нома буд номи Кай
6. И – Бифармуд

www.sattor.com

Басе гарм пайғомҳо дода буд,
Зи чизе, ки пешаш фиристода буд,

К-аз ин пас фузунтар фиристем чиз,
Ки ин боҷ буд, тоҷ боист низ.[1]

В-аз он тахт шаҳ андаромад ба асп,
Ҳаме рафт[2] то хони Озаргушасп.

Чу аз дур ҷои парастиш бидид,
Шуд аз оби дида рухаш нопадид.

Фуруд омад аз аспу[3] барсам ба даст,
Ба замзам ҳаме гуфту лабро бубаст,

Навон пеши оташ ниёиш гирифт,
Ҷаҳонофаринро ситоиш гирифт.

Ҳама зарру гавҳар фузунӣ, ки бурд,
Саросар ба ганҷури оташ супурд.

Пароканд бар мӯбадон симу зар,
Ҳамон ҷома бахшидашон бо гуҳар.

Ҳама мӯбадон з-ӯ тавонгар шуданд,
Ниёишкунон пеши озар шуданд.

Ба замзам ҳаме хонданд офарин
Бар он додгар шаҳрёри замин,

В-аз он ҷо биёмад сӯи Тайсафун,
Замин шуд зи лашкар куҳи Бесутун.[4]

Ба ҳар шаҳр, к-андаршуд он додгар,
Ба дарвеш додӣ басе симу зар.[5]

1. И – б. 2382, 2383 нест;
ТПИЛМ – Пазируфт шоҳ, он чи* ӯ дид** ранҷ,
Фиристод яксар ҳама сӯӣ*** ганҷ.
* Л – Бипазруфт шоҳ он ки. ** И – Сипаҳбад бидид, он чи буд дида. *** И – Аз он пас фиристод яксар ба.
2. И – Ҳаме ронд
3. Л – асп,
4. Л – Сипоҳе паси пушту пеш- андарун.
5. И – б. 2393 нест.

www.sattor.com

Зи кас хоста, к-аш пароканда шуд,
Зи ганҷу дирам кишвар оганда шуд.

В-аз он шаҳр сӯи Мадоин кашид,
Ки он ҷо будӣ ганҷҳоро калид.

Бутистони Чин бо чиҳил устод
Ҳаме ронд аз пеш Меҳронситод.

АНДАР ОРОМ ЁФТАНИ ҶАҲОНИЁН АЗ ОИНИ НӮШИНРАВОН

Чу Кисро биёмад бари тахти хеш
Гурозону анбоз бо бахти хеш,

Ҷаҳон чун биҳиште шуд ороста
Зи доду зи хубӣ пур аз хоста.[1]

Баросуда шоҳон аз[2] овехтан,
Ба ҳар ҷой,[3] бедоду хун рехтан,

Ҷаҳон нав шуд аз фарраи эзадӣ,
Бубастанд, гуфтӣ, ду дасти бадӣ,

Надонист кас ғорату тохтан,
Дигар даст сӯи бадӣ охтан.

Ҷаҳоне ба фармони шоҳ омаданд,
Зи кажживу торӣ ба роҳ омаданд.

Касе к-ӯ ба раҳ[4] – бар[5] дирам рехтӣ,
Аз он хоста дузд бугрехтӣ.

Зи дебову динор бар хушку об,
Ба рахшанда рӯзу ба ҳангоми хоб

1. Л –б. 2396–2398 нест.
2. И – Баросуд мардум зи
3. И –Зи ҳар ҷома,
4. Л – дар
5. И – ба сахро

www.sattor.com

Зи биму зи доди ҷаҳондор[1] шоҳ,
Накардӣ бадандеш аз он[2] нигоҳ.

Ҷаҳон чун биҳиште шуд[3] ороста,
Дару дашт яксар пур аз хоста,[4]

Бипайваст[5] нома зи[6] ҳар кишваре,
Зи[7] ҳар номдореву ҳар меҳтаре.

Зи бозоргонону туркони Чин,
Зи Сақлобу ҳар кишваре ҳамчунин,

Зи бас номаи[8] мушку чинипаринд,
Аз ороиши Руму аз бӯи Ҳинд.

Шуд Эрон ба кирдори хуррамбиҳишт,
Ҳама хок анбар шуду зар-ш[9] хишт.

Ҷаҳоне ба Эрон ниҳоданд рӯй,
Баросуда аз дарду[10] аз[11] гуфтугӯй.

Гулоб аст гуфтӣ[12] ҳаворо сиришк,
Биёсуда мардум зи ранҷу пизишк.

Биборид бар гул баҳангом нам,
Набуд киштварзе[13] зи борон дижам.

Дару дашт гул буду бому сарой,
Ҷаҳон гашт пурсабзаву чорпой.

Ҳама рӯдҳо ҳамчу дарё шуда,
Ба полиз гул чун Сурайё шуда,

---

1. И – ҷаҳонҷӯй
2. ИЛ –з-он
3. Л –буд
4. И –б. 2406 нест.
5. И – Бибинвишт
6. ИЛ –ба
7. ИЛ-Ба
8. ИЛ – нофаи
9. И – хоки ӯ анбару зарр (у)
10. И – ранҷу
11. Л –в-аз
12. ИЛ –гӯӣ
13. И– киштзоре

www.sattor.com

Ба Эрон забонҳо биёмӯхтанд,
Равонҳо ба дониш бияфрӯхтанд.

Зи бозоргонони ҳар марзу бум,
Зи Ҳинду зи Чину зи Турку зи Рум

Ситоиш гирифтанд бар раҳнамой,
Физоиш гирифт аз гиё чорпой.[1]

Ҳар он кас, ки аз дониш огоҳ буд,
Зи гӯяндагон бар дари шоҳ буд.

Раду мӯбаду бихрадон арҷманд,
Бадандеш тарсон зи бими газанд.

Чу хуршед гетӣ биёростӣ,
Хурӯше зи даргоҳ бархостӣ,

Ки «-Эй зердастони шоҳи ҷаҳон,
Мадоред як тан бад андар ниҳон!

Ҳар он кас, ки аз кор дидаст ранҷ,
Биёбад ба андоза аз[2] ранҷ ганҷ.

Бигӯед яксар ба солори бор,
Ки аз мо кунад муздро хостор.

В-агар вомхоҳе биёяд зи роҳ,
Дирам хоҳад аз марди бедастгоҳ,

Набояд, ки ёбад тиҳидаст ранҷ,
Ки ганҷур вомаш битӯзад зи ганҷ.[3]

Касе, к-ӯ кунад бар зани кас нигоҳ,
Чу хасмаш биёяд ба даргоҳи шоҳ,

Наёбад ба ҷуз чоҳу дори баланд,
Ки бо дор тир асту бо чоҳ банд.

В-агар асп ёбанд ҷое яла,
Ки деҳқон ба дар баркунад з-он гала,

1. И – б. 2417, 2418 нест.
2. Л –андозаи
3. И – б. 2424–2426 нест.

www.sattor.com

Бирезанд хунаш бар он киштманд,
Барад гӯшт он кас, ки ёбад газанд.

Пиёда савораш бимонад зи асп,
Ба пӯзиш равад пеши Озаргушасп.

Араз бистурад номи девони ӯй,
Ба пой андароранд айвони ӯй.

Гунохе ки бошад каму беш аз ин,
Зи пастар бувад он ки буд пеш аз ин.[1]

Набошад бар ин[2] шоҳ ҳамдостон,
Ба дар-бар нахоҳад ҷуз аз ростон.

Ҳар он кас, ки напсандад ин роҳи мо,
Мабодо, ки бошад ба даргоҳи мо».

ПАНД ДОДАНИ БУЗАРҶМЕҲР НӮШИНРАВОНРО

Ҷаҳондор биншаст як рӯз шод,
Бузургони донандаро бор дод.

Сухан гуфт хандону букшод чеҳр,
Бари тахт биншаст Бузарҷмеҳр,

Яке офарин кард бар шаҳрёр,
Ки дил шуд ба кирдори хуррам баҳор.

Чунин гуфт к-«Эй довари[3] тозарӯй,
Ки бар ту наёбад сухан айбҷӯй.

Хуҷаста шаҳаншоҳи пирӯзгар,
Ҷаҳондори бодонишу богуҳар,

Навиштам сухан чанд бар паҳлавӣ,
Абар дафтару коғази хусравӣ.

Супурдам ба ганҷур то рӯзгор
Бaрояд, бихонад магар шаҳрёр.

1. Л – б. 2433 нест.
2. Л – ҳаме
3. И – меҳтари

www.sattor.com

Бидидам, ки ин гунбади дерсоз[1]
Нахоҳад ҳаме лаб кушодан[2] ба роз.

Агар мард бархезад аз тахти базм,
Ниҳад бар кафи хеш ҷонро ба разм,

Заминро бипардозад аз душманон,
Шавад эмин аз ранҷи оҳарманон,

Шавад бар ҷаҳон подшо сар ба сар,
Биёбад суханҳо ҳама дарбадар,

Шавад даст дар кор кардан фарох
Кунад гулшану боғу майдону кох,[3]

Ниҳад ганҷу фарзанд гирд оварад,
Басе рӯз бар орзу бишмарад,

Фароз оварад лашкару хоста,
Шавад коху айвонаш ороста.

Гар эдун, ки дарвеш бошад ба ранҷ,
Фароз орад аз ҳар сӯе тоҷу ганҷ.

Зару сими бисёр гирд оварад,
Зи сад сол будан-ш барнагзарад.

Шавад хоку бебар шавад ранҷи ӯ,
Ба душман бимонад ҳама ганҷи ӯ.

На фарзанд монад, на тахту кулоҳ,
На айвони шоҳӣ, на ганҷу сипоҳ.

Чу биншинад он ҷастану боди ӯ,
Зи гетӣ нагирад касе ёди ӯ.

Бар ин кор чун бугзарад рӯзгор,
Аз ӯ номи некӯ бувад ёдгор.

1. И – дербоз,
2. И – кушудан
3. И – б. 2447 нест.

www.sattor.com

Ба гетӣ ду чиз аст ҷовид[1] бас,
Дигар ҳарчӣ бошад, намонад ба кас.

Сухан гуфтани нағзу гуфтори[2] нек
Нагардад куҳан, то ҷаҳон аст рек.

Зи хуршеду аз бод в-аз обу хок
Нагардад табаҳ[3] ному гуфтори пок.

Бар ин[4] сон бувад гардиши рӯзгор,
Хунук марди бошарму парҳезгор.

Макун, шаҳрёро, гунаҳ, то тавон,
Гуноҳе, к-аз ӯ шарм дорад равон.

Беозориву судмандӣ гузин,
Ки ин аст фарҳангу оини дин.

Зи ман ёдгор аст чандин[5] сухан,
Гумонам, ки ҳаргиз нагардад куҳан».

Чу букшод[6] равшан дили шаҳрёр,
Фаровон сухан кард аз ӯ хостор.

Бад-ӯ гуфт: «Фаррух кадом аст мард,
Ки дорад диле шод бе боди сард?»

Чунин[7] гуфт, к-«Он, к-ӯ бувад бегуноҳ,
Набурдаст Оҳарман ӯро[8] зи роҳ».

Бипурсидаш аз кажживу роҳи дев,
Зи роҳи ҷаҳондор кайҳонхидев.

Бад-ӯ гуфт: «Фармони Яздон беҳист,
Ки андар ду гетӣ бад-ӯ фарраҳист.

1. И – некӯ
2. И – хубу кирдори
3. И – кухан
4. И –Чу з-ин
5. И–чанде
6. И – букшуд
7. И –Бад-ӯ
8. И – Оҳарманаш дил

www.sattor.com

Дари бадтарӣ роҳи Оҳарман аст,
Ки марди парастандаро душман аст.

Хунук дар ҷаҳон марди бартарманиш,
Ки покиву шарм аст пероҳанаш.

Чу ҷонаш танашро нигаҳбон бувад,
Ҳама зиндагониш осон бувад.

Бимонад бад-ӯ одиву ростӣ,
Накӯбад дари кажживу костӣ.

Ҳар он чиз, к-он баҳраи тан бувад,
Равонаш пас аз марг равшан бувад,

Аз ин ҳар ду чизе надорад дареғ,
Ки баҳри наём аст ё баҳри теғ.[1]

Сухан машнав аз марди афсунманиш,
Ки бо ҷони равшан бувад бадкуниш.

Чу хасту наёяд ба дигар сарой,
Ҳам эдар пур аз дард монад ба ҷой.

Аз ин бугзарӣ, сифла онро шинос,
Ки аз покяздон надорад ҳарос.

Дареғ оядаш баҳраи тан зи тан,
Шавад з-орзуҳо, бубандад даҳан.

Ҳамон баҳри ҷонаш, ки дониш бувад,
Надонад, на аз донишӣ бишнавад».

Бипурсид Кисро, ки «Аз кеҳтарон
Киро бошад андозаи меҳтарон?»

Чунин гуфт, к-«Он кас, ки донотар аст,
Ба ҳар орзу-бар тавонотар аст!»

«Кадом аст доно, бад-ӯ шоҳ гуфт, -
Ки дониш бувад мардро дар нуҳуфт?»

1. ТПЗ – Касе, к-ӯ бувад бар хирад подшо,
Равонро наронад ба роҳи ҳаво.

www.sattor.com

Чунин гуфт, к-«Он, к-ӯ ба фармони дев
Набуррад дил аз роҳи кайҳонхидев.

Касеро на бар хира фармон барад,
Ки хасми равон асту они хирад.

Даҳ Оҳармананд ин ба нерӯи шер,
Ки оранд ҷону хирадро ба зер».

Бад-ӯ гуфт Кисро, ки «Даҳ дев чист,
К-аз эшон хирадро бибояд гирист?»

Чунин дод посух, ки «Озу ниёз,
Ду деванд бозӯру гарданфароз.

Дигар хашму рашк асту нанг асту кин,
Чу наммому дурӯю нопокдин.

Даҳум он ки аз кас надорад сипос
Ба некиву ҳам нест яздоншинос».

Бад-ӯ гуфт: «з-Ин шум даҳ пургазанд
Кадом аст Оҳармани зӯрманд?»

Чунин дод посух ба Кисро, ки «Оз
Ситамгора деве бувад дерсоз,

Ки ӯро набинанд хушнуд ҳеч,
Ҳама дар фузуниш бошад басеч.

Ниёз он, ки ӯро аз андӯҳу дард
Ҳама кӯр бинанду рухсора зард.

К-аз ин бугзарӣ, хусраво, деви рашк
Яке дардманде бувад бепизашк.

Агар дар замона касе бегазанд
Бубинад, шавад ҷони ӯ дардманд.

Дигар нанг деве бувад пурситез,
Ҳамеша ба бад карда чангол тез.

Дигар дев кин аст пурчӯшу хашм,
Зи мардум натобад гаҳи хашм чашм.

www.sattor.com

На бахшоиш орад ба кас-бар, на меҳр,
Дижогоҳ деве пурожанг чеҳр.

Дигар дев наммом, к-ӯ ҷуз дурӯғ
Надонад, наронад сухан бофурӯғ.

Бимонад суханчину дурӯй дев,
Бурида дил аз тарси кайҳонхидев.

Миёни ду тан ҷангу кин афканад,
Бикӯшад, ки пайвастагӣ бишканад.

Дигар дев бедонишу носипос,
Набошад хирадманду некишинос.

Ба наздики ӯ шарму рой андакест,
Ба чашмаш баду нек ҳар ду якест».

Зи доно бипурсид пас шаҳрёр,
Ки «чун дев бо дил кунад корзор?

Ба банда чӣ додаст кайҳонхидев,
Ки аз кор кӯтаҳ кунад дасти дев?»

Чунин дод посух, ки «Дасти хирад
Зи кирдори Оҳарманон бугзарад.

Зи шамшери девон хирад ҷавшан аст,
Дилу ҷони доно бад-ӯ равшан аст.

Гузашта сухан ёд дорад хирад,
Ба дониш равонро ҳаме парварад.

Хирад бод ҷони туро раҳнамун,
Ки роҳе дароз аст пеш- андарун.

В-агар худ бувад, он ки хонем хим,
Ки бо ӯ надорад дил аз дев бим.

Ҷаҳон хуш бувад бар дили некхӯй,
Нагардад ба гирди дари орзуй.

Суханҳои уммед гӯям кунун,
Ки дилро ба шодӣ бувад раҳнамун.

www.sattor.com

Ҳамеша хирадманди уммедвор
Набинад ба ҷуз шодӣ аз рӯзгор.

Наяндешад аз кори бад як замон,
Раҳи тир гирад, на роҳи камон.

Дигар, ҳар кӣ хушнуд бошад ба ганҷ,
Наёзад, наёрад танашро ба ранҷ.

Наяндешаду бар дирам нангарад,
Ҳама рӯзи ӯ бар хушӣ бугзарад.

Дигар, ҳар кӣ яздонпараст асту бас,
Ба ранҷу ба ганҷу ба озарми кас

Зи фармони Яздон нагардад сараш,
Сиришти бадӣ нест дар гавҳараш.

Бар ин ҳамнишон аст парҳез низ,
Ки нафрӯшад ӯ роҳи Яздон ба чиз.

Бад-ӯ гуфт, з-«Инҳо кадом аст,-шоҳ,–
Сӯи некуиҳо намояндароҳ?»

Чунин дод посух, ки «Роҳи хирад
Зи ҳар донишӣ бегумон бугзарад.

Ҳамон хӯи некӯ, ки мардум бад-ӯй
Бимонад ҳамасола бообрӯй.

В-аз ин гавҳарон гавҳаре устувор
Тани хушнудӣ дидам аз рӯзгор.

В-аз эшон умед аст оҳистатар,
Баросуда аз ранҷу шоистатар.

В-аз ин гавҳарон оз дидам ба ранҷ,
Ки ҳамвора серӣ наёбад зи ганҷ».

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Аз ҳунарҳо чӣ беҳ,
Ки гардад аз ӯ марди ҷӯянда меҳ?»

www.sattor.com

Чунин дод посух, ки «Дониш беҳ аст,
Хирадманд худ бар меҳон-бар меҳ аст,[1]

Ки доно наёзад ба тундӣ ба ганҷ,
Тани хешро дур дорад зи ранҷ».

Зи неруи хасмаш бипурсид шоҳ,
Ки «Чун ҷуст хоҳад ҳаме дастгоҳ?»

Чунин дод посух, ки «Кирдори бад
Бувад хасми равшанравону хирад.[2]

Зи доно бипурсид пас додгар,
Ки «Фарҳанг беҳтар бувад, ё гуҳар?»

Чунин дод посух бад-ӯ раҳнамун,
Ки «Фарҳанг бошад зи гавҳар фузун,

Ки фарҳанг ороиши ҷон бувад,
Зи гавҳар сухан гуфтан осон бувад.

Гуҳар бе ҳунар зору хор асту суст,
Ба фарҳанг бошад равон тандуруст».

Бад-ӯ гуфт: «Ҷонро зудудан ба чист,
Ҳунарҳои танро ситудан ба чист?»

«Бигӯям кунун,– гуфт,– ман сар ба сар,
Агар ёд гирӣ ба ман дар ба дар.

Хирад чун яке хилъати эзадист,
Аз[3] андеша дур асту дур аз бадист.

---

1. ТП - Чунин дод посух, ки «ҳар к-ӯ зи роҳ
Нагардад, бувад бо тане бегуноҳ.
Биёбад ба гетӣ ҳаме ному ком,
Аз анҷом фарҷому аз ком ном».
Бипурсид аз ӯ: «Номбардор гав,
К-аз ин раҳ кадомин кунам пешрав?»
Чунин дод посух ки овози нарм
Суханҳо, ки ронад ба гуфтори гарм,
Фузунӣ наҷӯяд бар ин ҷуз хирад,
Хирад бегумон бар ҳунар бугзарад».
В-аз он пас зи доно бипурсид меҳ,
Ки «Фарҳанги мардум кадом аст беҳ?»
2. Л – б. 2451–2529 нест.
3. Л – Зи

www.sattor.com

Ҳунарманд, к-аз хештан дар шигифт
Бимонад, ҳунар з-ӯ набояд гирифт.

Ҳамон хушманиш мардуми хешкор
Набошад ба чашми хирадманд хор.

Агар бахшишу донишу расму дод
Ҳунарманд[1] гирд оварад бо нажод.

Бузургиву афзуниву ростӣ,
Ҳаме гирад аз хӯи бад костӣ».

В-аз он пас бипурсид Кисро аз ӯй,
Ки «Эй номвар мардуми некхӯй.[2]

Бузургӣ ба кӯшиш бувад[3], ё ба бахт,
Ки ёбад ҷаҳондор аз ӯ тоҷу тахт?»

Чунин дод посух, ки «бахту ҳунар
Чунонанд чун ҷуфт бо якдигар,

Чунон чун тану ҷон, ки ёранду ҷуфт,
Тануманд пайдову ҷон дар нуҳуфт.

Ҳамон колбад мардро кӯшиш аст,
Агар бахти бедор дар ҷӯшиш аст.

Ба кӯшиш бузургӣ наёяд ба ҷой,
Магар бахти некаш бувад раҳнамой.

Ва дигар, ки гетӣ фасона-сту бод,
Чу хобе, ки бинанда дорад ба ёд.

Чу бедор гардад, набинад ба чашм,
Агар некуӣ дид, агар дарду хашм!»

Дигар, пурсише баркушод аз нуҳуфт;
«Ба доно ситуда кадом аст?»-гуфт.

Чунин дод посух, ки «Шоҳе, ки тахт
Биёрояду зӯр ёбад зи бахт.

1. Л – Хирадманд
2. Л – марди фарҳангҷӯй.
3. Л –гар.

www.sattor.com

В-агар додгар бошаду некном,
Биёбад зи гуфтору кирдор ком».

Бад-ӯ гуфт, к-«Андар ҷаҳон мустаманд
Кадом асту бадрӯзи носудманд?»

Чунин дод посух, ки «Дарвеши зишт,
Ки на ком ёбад, на хуррамбиҳишт».

Бипурсиду гуфто, ки «Бадбахт кист,
Ки ҳамвораш аз дард бояд гирист?»

2555 Чунин дод посух, ки «Донандамард,
Ки дорад зи кирдори бад рӯй зард».

Бипурсид аз ӯ, гуфт: «Хурсанд кист,
Ба бешӣ зи чиз орзуманд кист?»

Чунин дод посух, ки «Он кас, ки меҳр
Надорад бар ин кори[1] гардонсипеҳр».

Бад-ӯ гуфт: «Моро кӣ шоистатар?»
Бад-ӯ гуфт: «Он кас, ки оҳистатар».

Бипурсид аз ӯ, гуфт: «Оҳиста кист,
Ки бар тезмардум бибояд гирист?»

2560 Чунин дод посух, ки «Аз айбҷӯй,
Нигар, то кӣ печад сар аз гуфтугӯй.

Ба наздики ӯ шарму оҳистагист,
Хирадмандиву рою шоистагист».

Бипурсид аз ӯ номвар шаҳрёр,
Ки «Аз мардумон кист уммедвор?»

Бад-ӯ гуфт: «Он кас, ки кӯшотар аст,
Ду гӯшаш ба дониш ниюшотар аст».

Бипурсид аз ӯ шаҳрёри ҷаҳон
Аз огоҳии неку бад дар ниҳон.

1. Л –карди

www.sattor.com

Чунин дод посух, ки «Аз огаҳӣ
Фаровон бувад кажжу мағзаш тиҳӣ.

Магар он ки гуфтанд, хок аст ҷой,
Надонам чӣ гунаст дигар сарой».

Бад-ӯ гуфт Кисро, ки «Ободшаҳр
Кадом асту мо з-ӯ чӣ дорем баҳр?»

Чунин дод посух, ки «Ободҷой
Зи доди ҷаҳондор бошад ба пой».

Бипурсиду гуфташ: «Кӣ бедортар,
Писандидатар марди ҳушёртар

Ба гетӣ кадом аст, бо ман бигӯй,
Ки бифзояд аз донишӣ обрӯй».

Чунин дод посух, ки «Донои пир,
Ки бо озмоиш бувад ёдгир».

Бад-ӯ гуфт Кисро, ки «Ромиш кирост,
Кӣ дорад ба шодӣ ҳаме пушт рост?»

Чунин дод посух, ки «Он к-ӯ зи бим
Бувад эмину бошадаш зарру сим».

Бад-ӯ гуфт: «Моро ситоиш ба чист,
Ба наздики ҳар кас писандида кист?»

Бад-ӯ дод посух, ки «Он, к-ӯ ниёз
Бипӯшад, ҳамон рашк бо нангу оз.

Ҳамон кину рашкаш бимонад ниҳон,
Писандида ӯ бошад андар ҷаҳон».

Зи марди шикебо бипурсид шоҳ;
«Кӣ аз сабр дорад ба сар- бар кулоҳ?»

Чунин гуфт: «Он кас, ки навмед гашт,
Зи бахту рухонаш чу хуршед гашт.

Дигар он ки рӯзаш бибояд шумурд,
Ба кори бузург- андарун дастбурд».

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт: «Ғам бар дили кист беш,
К-аз андӯҳ сер омад[1] аз ҷони хеш?»

Чунин дод посух, ки «он, к-ӯ зи тахт
Биафтоду навмед гардад зи бахт».

Бипурсид аз ӯ шаҳрёри баланд,
Ки аз мо, кӣ дорад дили дардманд?

Чунин гуфт, к-он, к-ӯ хирадманд нест,
Тавонгар касеро, ки фарзанд нест.

Бипурсид шоҳ аз диле мустаманд,
Нишаста ба гурм- андарун бегазанд.

Бад-ӯ гуфт: «Бодонишу порсо,
Ки гардад бар ӯ аблаҳе подшо».

Бад-ӯ гуфт: «Навмедтар ҳам касе,[2]
Ки бошад тавоноӣ ӯро басе».[3]

Чунин гуфт, к-«Он к-ӯ зи кори бузург
Биафтад, бимонад нажанду сутург».

Бипурсид аз ӯ шоҳ Нӯшинравон,
Ки «Эй марди бинову бахтат ҷавон,

Кӣ донӣ, ки беному ороиш аст,
Кӣ ӯ аз дари меҳру бахшоиш аст?»

Бад-ӯ гуфт: «Марди фаровонгуноҳ,
Гунаҳгор дарвеши бедастгоҳ».

Бипурсиду гуфташ, ки «Баргӯй рост,
Ки то аз гузашта пушаймон кирост?»

Чунин дод посух, ки «Он тиратарг,
Ки бар сар ниҳад подшо рӯзи марг.

---

1. Л – ояд
2. Л – кас кадом,
3. Л – Ки дорад тавоноиву некном.

www.sattor.com

Пушаймон шавад, дил кунад[1] пурҳарос,
Ки ҷонаш ба Яздон бувад носипос.

Ва дигар, ки кирдор дорад касе,
Ба наздики ӯ[2] носипосон басе».

Бипурсиду гуфт: «Эй хирадёфта,
Ҳунарҳо як андар дигар бофта,

Чӣ донӣ, к-аз ӯ тан бувад бегазанд,
Ҳам он бар дили ҳар касе арҷманд?»[3]

Чунин дод посух, ки «Чун тандуруст
Бувад, дил ҷуз аз шодмонӣ наҷуст.

Ҳамон орзу тандурустӣ бувад,
Чу аз дард рӯзе ба сустӣ бувад».

Бипурсиду гуфташ, ки «Аз орзу
Чӣ беш аст, пайдо кун, эй некхӯ?»

Бад-ӯ гуфт: «Чун сарфарозӣ бувад,
Ҳама орзу бениёзӣ бувад.

Чу бо бениёзӣ бувад тандуруст,
Набояд ҷуз аз коми дил чиз ҷуст».

Аз он пас чунин гуфт бо раҳнамун,
Ки «Бар дил чӣ андеша бошад фузун?»

Чунин дод посух, ки «Инро се рӯй
Бисозад хирадманд бо роҳҷӯй.

Яке он ки андеша аз рӯзи бад
Магар бегунаҳ бар танаш бад расад.

Битарсад зи кори фиребанда дӯст,
Ки бо мағз ҷон хоҳаду хуну пӯст.

Се дигар, ки бедодгар подшо,
Ки бекор нашносад аз порсо.

1. Л –бо диле
2. Л–он
3. И –б. 2466–2596 нест.

www.sattor.com

Чу некӯ бувад гардиши рӯзгор,
Хирадёфта ёри омӯзгор.

Ҷаҳон равшану подшо додгар,
Зи гардун наёбӣ фузун з-ин ҳунар».

Бипурсидаш аз дину аз ростӣ,
К-аз ӯ дур бошад бади костӣ.

Бад-ӯ гуфт: «Шоҳо, ба дине гарой,
К-аз ӯ нагсилад ёди номи Худой,

Ки дуранд зи кажживу аз роҳи дев,
Битарсанд яксар зи кайҳонхидев.

Ба фармони Яздон ниҳода ду гӯш,
Аз эшон набошад касе динфурӯш».

В-аз он пас бипурсидаш аз подшо,
Ки фармонравон аст[1] бар порсо.

К-«Аз эшон кадом аст пирӯзбахт,
Ки бошад ба гетӣ сазовори тахт?

Чунин гуфт, к-«Он, к-ӯ бувад додгар,
Хирад дораду шарму рою ҳунар».

Бипурсидаш аз дӯстони куҳан,
Кӣ бошанд ҳамгӯшаву[2] ҳамсухан?

Чунин дод посух, ки «Аз марди дӯст
Ҷавонмардиву дод додан накӯст.

Нахоҳад ба ту бад ба озарм кас,
Ба сахтӣ бувад ёру фарёдрас».

Бад-ӯ гуфт Кисро: «Киро беш дӯст,
К-аз эшон яке бошадаш хуну пӯст?»

Чунин дод посух, ки «Аз некдил,
Ҷудоӣ нахоҳад магар дилгусил![3]

---

1. И – фармонраво гашт
2. И –ҳампешаву
3. И – б. 2620 нест.

www.sattor.com

Дигар он касе ки[1] навозандатар,
Накӯтар ба кирдору созандатар».

Бад-ӯ гуфт: «Душман киро бештар,
Ки бошад бад-ӯ-бар бадандештар?»

Чунин дод посух, ки «Бартарманиш,
Ки бошад фаровон бад-ӯ сарзаниш.

Ҳамон кас, ки овоз дорад дурушт,
Пурожанг рухсору баста ду мушт».

Бад-ӯ гуфт: «То ҷовидон дӯст кист,
Зи дарди ҷудоӣ кӣ хоҳад гирист?»[2]

Чунон дод посух, ки «Анбоз мард,
Накоҳад, насӯзад, натарсад зи дард».

«Чӣ монад[3]-бад-ӯ, - гуфт,-ҷовид чиз,
Ки он чиз каммӣ нагирад ба низ?»

Чунин дод посух, ки «Кирдори нек
Нахоҳад ҷудо будан аз ёри нек».[4]

Бад-ӯ гуфт Кисро: «Кӣ равшантар аст,
Ки бар тораки ҳар касе афсар аст?»

Чунин гуфт, к-«Ин ҷони доно бувад,
Ки бар орзуҳо тавоно бувад».

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй худованди меҳр,
Чӣ бошад ба паҳно фузун аз сипеҳр?»

Бигуфташ: «Яке шоҳи бахшандадаст,
Ва дигар дили марди яздонпараст».

Бипурсиду гуфташ: «Чӣ ожиртар,
К-аз он барфарозад хирадманд сар?»

1. ИЛ – к-ӯ
2. Л – б. 2630 нест.
3. И – бояд
4. Л – б. 2627, 2628 нест.

www.sattor.com

Чунин дод посух, ки «Эй подшо,
Мадеҳ ганҷ ҳаргиз ба нопорсо.

Чу кирдор бо носипосон кунӣ,
Ҳаме хишти хушк андар об афканӣ».

Бад-ӯ гуфт, к-«Андар чӣ чиз аст ранҷ,
К-аз ӯ кам шавад мардро ози ганҷ?»

Чунин дод посух, ки «Эй шаҳрёр,
Ҳамеша дилат бод чун навбаҳор,

Парастандаи шоҳи бадхӯ зи ранҷ
Нахоҳад тану зиндагониву ганҷ.[1]

Бипурсиду гуфташ: «Чӣ дидӣ шигифт,
К-аз он бартар андоза натвон гирифт?»

Чунин гуфт бо шоҳ Бузарҷмеҳр,
Ки «Яксар шигифт аст кори сипеҳр.

Яке мард бинӣ, ки бо дастгоҳ
Расида кулоҳаш ба абри сиёҳ,

Ки ӯ дасти чапро надонад зи рост,
Зи бахшиш фузунӣ надорад зи[2] кост.

Як аз[3] гардиши осмони баланд,
Ситора бигӯяд, ки чун асту чанд.

Фалак раҳнамунаш ба сахтӣ бувад,
Ҳама бахри ӯ шӯрбахтӣ бувад».

«Гаронтар чӣ донӣ?» - бад-ӯ гуфт шоҳ.
Чунин дод посух, ки «Санги[4] гуноҳ».

Бипурсид, к-«Аз бадтарин корҳо,
Зи гуфторҳо, ҳам зи кирдорҳо

1. И - 6. 2629–2638 нест.
2. Л –на
3. Л –яке
4. И – бори

www.sattor.com

Кадом аст бонангу босарзаниш,
Ки хонад варо ҳар касе бадкуниш?»

Чунин дод посух, ки «Зуфтӣ зи шоҳ,
Ситеҳидани мардуми бегуноҳ.[1]

Тавонгар, ки тангӣ кунад дар хуриш,
Дареғ оядаш пӯшишу парвариш.

Заноне ки эшон надоранд шарм,
Ба гуфтан надоранд овози нарм.

Ҳамон некмардон, ки тундӣ кунанд,
В-агар тангдастон баландӣ кунанд.

Дурӯғ он ки беранг у зишт асту хор,
Чи бар пойкору чи бар шаҳрёр».

«Ба гетӣ зи некӣ чӣ чиз аст - гуфт –
Ҳам аз ошкору ҳам андар нуҳуфт,

К-аз он[2] марди донанда ҷавшан кунад,
Равонро бад-он чиз равшан кунад?»

Чунин дод посух, ки «Кӯшо ба дин,
Зи гетӣ наёбад магар офарин.

Дигар он, ки дорад зи Яздон сипос,
Бувад донишӣ марди некишинос».[3]

Бад-ӯ гуфт Кисро: «Зи карда чӣ беҳ,
Чӣ нокарда аз шоҳу аз марди кеҳ?

Чӣ беҳтар зи фармудану доштан,
В-агар мардро хор бугзоштан?

Чӣ беҳтар, к-аз он боздорем чанг,
Гирифтан чӣ беҳтар зи баҳри диранг?»[4]

1. И – б. 2646–2648 нест.
2. Л –ӯ
3. И – б. 2653–2656 нест.
4. И – б. 2654 нест.

www.sattor.com

Ба посух «Нигаҳ доштан,– гуфт,– хашм,
Ки аз пургуноҳон бихобанд чашм.

Дигар он, ки бедор дорӣ равон,
Накӯшӣ ба бад корҳо то тавон,

Фурӯҳишта кин, баргирифта умед,
Битобад равон з-ӯ ба кирдори шед.

Ба кори база чанд ёбӣ маза,
Бияфкан маза, дур бош аз база».

Сипос аз Худованди хуршеду моҳ,[1]
Ки растам зи Бузарҷмеҳру зи шоҳ.[2]

Чу ин кор дилгират омад ба бун,
Зи шатранҷ бояд, ки ронам сухун.

АНДАР ФИРИСТОДАНИ РОЙИ ҲИНД ШАТРАНҶРО НАЗДИ НӮШИНРАВОН

Чунин гуфт мӯбад, ки «Як рӯз шоҳ
Ба дебои румӣ биёрост гоҳ.

Биёвехт тоҷ аз бари тахти соҷ,
Ҳама соҷ оҷу ҳама оҷ тоҷ.

Ҳама бурҷ моҳу ҳама гоҳ шоҳ,
Ҳама боргоҳаш саросар сипоҳ.

Ҳама кох пурмӯбаду марзбон
Зи Балху зи Бомиву аз ҳар карон.

Чунин огаҳӣ ёфт шоҳи ҷаҳон
Зи гуфтори бедор корогаҳон,

Ки омад фиристодаи шоҳи Ҳинд
Або пилу чатру саворони Синд.

Шутурвор бор аст бо ӯ ҳазор,
Ҳаме роҳ ҷӯяд бари шаҳрёр.

1. И–гардонсипеҳр,
2. И – Ки пардахтам аз шоҳу Бузарҷмеҳр.

www.sattor.com

Ҳамон гаҳ чу бишнид бедор шоҳ,
Пазира фиристод чанде сипоҳ,

Чу омад бари шаҳрёри бузург
Фиристодаи номдори сутург,[1]

Ба расми бузургон ниёиш гирифт,
Ҷаҳонофаринро ситоиш гирифт.

Гуҳар кард бисёр пешаш нисор
Або чатру бо пилу[2] бо гӯшвор.

Биёроста чатри ҳиндӣ ба зар,
Бар ӯ бофта чанд гуна гуҳар.

Сари бор букшод дар[3] боргоҳ,
Биёвард яксар ҳама назди шоҳ.

Фаровон ба бор- андарун симу зар,
Чи аз мушку анбар, чи аз уди тар.

Зи ёқуту алмосу аз теғи Ҳинд,
Ҳама теғи ҳиндӣ саросар паринд.

Зи чизе ки хезад зи Қаннуҷу Мой,
Зада дасту пой, оварида ба ҷой.

Ниҳоданд[4] яксар ҳама пеши тахт,
Нигаҳ кард солори пирӯзбахт.

Зи чизе, ки бурд андар он Рой ранҷ,
Фиристод Кисро саросар ба ганҷ.

Биёвард пас номае бар паринд,
Навишта ба Нӯшинравон Ройи Ҳинд.[5]

Яке тахти шатранҷ карда ба ранҷ,
Тиҳӣ карда аз ранҷи шатранҷ ганҷ.

---

1. И – б. 2674 нсст.
2. И – Яке чатру даҳ тавқи
3. И – бикшуд бар
4. И – Бибурданд
5. И – б. 2683, 2684 нест.

www.sattor.com

Чунин дод пайғом ҳиндӣ[1] зи Рой,
Ки то чарх бошад, ту бодӣ[2] ба ҷой!

Касе, к-ӯ ба дониш барад ранҷ беш,
Бифармой, то тахти шатранҷ пеш

Ниҳанду зи ҳар гуна рой оваранд,
Ки ин нағз бозӣ ба ҷой оваранд.

Бидонанд ҳар мӯҳраеро ба ном,
Ки чун ронд бояд-шу хона кадом,

Пиёда бидонанду пилу сипоҳ,
Руху аспу рафтори фарзину шоҳ.

Гар ин нағз бозӣ бурун оваранд,
Ба донандагон-бар фузун оваранд,

Ҳамон сову боже, ки фармуд шоҳ,
Ба хубӣ фиристам бад-он боргоҳ.

В-агар номдорони эронгурӯҳ
Аз ин дониш оянд яксар сутӯҳ,

Чу бо дониши мо надоранд тов,
Нахоҳанд аз ин буму бар божу сов,

Ҳамон бож бояд-т пазруфт низ,
Ки дониш беҳ аз номбардор чиз.

Дилу гӯш Кисро ба гӯянда дод,
Суханҳо бар ӯ кард гӯянда ёд.

Ниҳоданд шатранҷ наздики шоҳ,
Ба мӯҳра- дарун кард чанде нигоҳ.

Ба тахташ яке мӯҳраи оҷ буд,
Пур аз рангу пайкар дигар соҷ буд.

Бипурсид аз ӯ шоҳи бедорбахт,
Аз он пайкари мӯҳраву нек тахт.

1. ИЛ – ҳинду
2. И – бошӣ

www.sattor.com

Чунин дод посух, ки «Эй шаҳрёр,
Ҳама расми роҳ аз дари корзор

Бубинӣ, чу бинӣ ба бозиш роҳ,
Раҳу рою ороиши размгоҳ.

Бад-ӯ гуфт: «Як ҳафта хоҳам замон,
Бибозем ҳаштум ба равшан равон».

Яке хуррам айвон бипардохтанд,
Фиристодаро ҷойгаҳ сохтанд.

Раду мӯбадони намояндароҳ
Бирафтанд яксар ба наздики шоҳ.

Ниҳоданд пас тахти шатранҷ пеш,
Нигаҳ кард ҳар як зи андоза беш.

Биҷустанду ҳар гунае сохтанд,
Зи ҳар даст бо якдигар бохтанд.

Яке гуфту пурсиду дигар шунид,
Наёвард кас роҳи бозӣ падид.

Бирафтанд яксар пурожанг чеҳр,
Биёмад бари шоҳ Бузарҷмеҳр.

Варо з-он сухан тунду ноком дид,
Баоғоз[1] он ранҷи фарҷом дид.

Ба Кисро чунин гуфт, к-«Эй подшо,
Ҷаҳондору бедору фармонраво,

Ман ин нағз бозӣ ба ҷой оварам,
Хирадро бар ин раҳнамой оварам».

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Ин сухан[2] кори туст,
Ки равшанравон бодиву тандуруст.

Кунун Ройи Қаннуҷ гӯяд,[3] ки шоҳ
Надорад яке марди ҷӯяндароҳ.

1. И – Ба оғози
2. И – Кисро, ки ин кори
3. Л – гуфтӣ

www.sattor.com

Шикасте будӣ зишт бар мӯбадон,
Ба даргоҳу бар гоҳу бар бихрадон».[1]

Биёвард шатранҷ Бузарҷмеҳр,
Пурандеша биншасту букшод чеҳр.

Ҳаме ҷуст бозӣ чапу дасти рост,
Ҳаме ронд, то ҷои ҳар як куҷост.

Ба як рӯзу як шаб чу бозӣ биёфт.
Аз айвон сӯи шоҳи Эрон шитофт.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй шоҳи пирӯзбахт,
Нигаҳ кардам ин пайкари мушку тахт.

Ба хубӣ ҳама бозӣ омад ба ҷой
Ба бахти баланди ҷаҳонкадхудой.

Фиристодаи Ройро пеш хоҳ,
Касеро, ки дорад мар онро нигоҳ.[2]

Шаҳаншоҳ бояд, ки бинад нахуст,
Яке размгоҳ аст гӯӣ дуруст».

Зи гуфтори ӯ шод шуд шаҳрёр,
Варо некпай хонду беҳрӯзгор.

Бифармуд, то мӯбадону радон
Бирафтанд бо номвар бихрадон.[3]

Фиристодаи Ройро пеш хонд,
Бари номвар боргоҳаш нишонд.[4]

Бад-ӯ гуфт гӯянда Бузарҷмеҳр,
Ки «Эй мӯбади Ройи хуршедчеҳр,[5]

Аз ин мӯҳраҳо шоҳ бо ту чӣ гуфт,
Ки ҳамвора бо ту хирад бод ҷуфт?»

---

1. И – б.2713, 2714 нест.
2. Л – Касоне, ки доранд моро; И – доранд моро
3. И – б. 2722, 2723 нест.
4. И – Фиристодаро хонд, пурсид шоҳ,
   Ба наздик биншонд дар пешгоҳ.
5. И–б. 2725 нест.

www.sattor.com

Чунин дод посух, ки «Фархунда Рой,
Чу аз пеши ӯ ман бирафтам зи ҷой,

Маро гуфт, к-«Ин мӯҳраи соҷу оҷ
Бубар пеши тахти худованди тоҷ.

Бигӯяш, ки бо мӯбадон рой зан,
Бинеҳ пешу биншон яке анҷуман.

Гар ин нағз бозӣ ба ҷой оваранд,
Писандидаву раҳнамой оваранд,

Ҳамин бадраву бардаву божу сов
Фиристем чандон, ки дорем тов.

Ба дониш бувад шаҳрёр арҷманд,
На аз ганҷу мардони тахти баланд.[1]

В-агар шоҳу фарзонагон ин ба ҷой
Наёранду равшан надоранд рой[2],

Набояд, ки хоҳад зи мо божу ганҷ,
Дареғ оядаш ҷони доно ба ранҷ.

Чу бинад дилу ройи борики мо,
Фузунтар фиристад ба наздики мо».

Бари тахти он шоҳи бедорбахт
Биёварду бинҳод шатранҷу тахт.

Чунин гуфт бо мӯбадону радон,
Ки «Эй покдил, номвар бихрадон,

Ҳама гӯш доред гуфтори ӯй,
Ҳамин ройи солори ҳушёри ӯй!»

Биёрост доно яке размгоҳ,
Ба қалб- андарун сохта ҷои шоҳ.

Чапу рост саф баркашида сипоҳ,
Пиёда ба пеш- андарун размхоҳ.[3]

1. И –б. 2732 нест.
2. Л – б. 2732. 2733 нест.
3. И – б. 2740 нест.

www.sattor.com

Ҳушивор дастур бар дасти шоҳ,
Ба разм- андарунаш намояндароҳ.

Биёроста пили ҷангӣ ду сӯй,
Ба ҷанг- андарун ҳамгинон карда рӯй.

В-аз ӯ бартар аспони ҷангӣ ба пой,
Нишонда бар эшон ду покизарой.

Ҳамовард гашта рухон бар ду рӯй,
Ба дасти чапу рост пархошҷӯй.

Чу Бузарҷмехр он сипаҳро биронд,
Ҳама анҷуман дар шигифтӣ бимонд.

Ғамӣ шуд фиристодаи Ҳинд сахт,
Бимонд андар он марди бедорбахт.[1]

Шигифт андар он марди ҷоду бимонд,
Дилашро ба андеша- андар нишонд,

Ки ин тахти шатранҷ ҳаргиз надид,
На аз кордонони ҳиндӣ шунид,[2]

Чӣ гуна фароз омадаш рои ин,
Ба гетӣ нагирад касе ҷои ин.

Чунон гашт Кисро зи Бузарҷмеҳр,
Ки гуфтӣ бад-ӯ бахт бинмуд чеҳр.[3]

Яке ҷом фармуд пас шаҳрёр,
Ки кардaнд пур гавҳари шоҳвор.

Яке бадра динору аспе ба зин
Бад-ӯ доду кардаш басе офарин.

1. И – ройи ҳушёрбахт.
2. ТПМ – На ман гуфтам аз кори ин мӯҳра ҳеч,
Або ӯ суханро накардам басеч.
3. ТПМ – Аз ӯ шоддил гашту бинвохташ,
Сазовортар хилъате сохташ.

www.sattor.com

СОХТАНИ БУЗАРҶМЕҲР НАРДРО ВА ФИРИСТОДАНИ НӮШИНРАВОН ӮРО БА ҲИНД

Бишуд марди доно ба ороми хеш,
Яке тахту паргор бинҳод пеш [1]

Нигаҳ кард ҷое, ки ториктар,
К-аз ӯ гардад андеша бориктар.

Ба шатранҷу андешаи ҳиндувон
Нигаҳ карду бифзуд ранҷи равон.

Хирад бо дили равшан анбоз кард,
Ба афсуну андеша бинҳод нард.

Ду мӯҳра бифармуд кардан зи оҷ,
Ҳама пайкари оҷ ҳамранги соҷ.

Яке размгаҳ сохт шатранҷвор,
Дурӯя баророста корзор.

Ду лашкар бубахшид бар ҳашт баҳр,
Ҳама размҷӯёни гирандашаҳр.

Замин тору лашкаргаҳе чор сӯй,
Ду шоҳи гаронмояи некхӯй,

Ки доранд рафтор ҳар ду ба ҳам,
Яке аз дигар барнагирад ситам.[2]

Ба ҳар ҷой гарданда пешаш сипоҳ,
Гурозон ду шоҳ андар он размгоҳ.

Ҳаме ин бад-он, он бад-ин баргузашт,
Гаҳе разми кӯҳу гаҳе разми дашт.

---

1. ТПМ – Фурӯ рафт бисёру андеша кард,
Зи андеша дилро яке беша кард.
Ҳаме хост, то тоза рое занад,
Ба наввӣ яке нағз бозӣ кунад,
Ки монанд фарзонагон дар шигифт,
К-аз ин кор андоза натвон гирифт.
2. М – пас аз б. 2761 ин б. омада:
Ба фармони эшон сипоҳ аз ду рӯй
Ба тундӣ биёроста ҷангҷӯй.

www.sattor.com

Якеро чу танҳо бигирад ду тан,
Зи лашкар бар ин як тан ояд шикан,[1]

Бад-ин[2] гуна, то бар кӣ ояд[3] шикан,
Шуданди сипоҳ аз ду рӯй[4] анҷуман.

Бад-ин сон, ки гуфтам, биёрост нард,
Бари шоҳ шуд, сарбасар ёд[5] кард.

Зи нерӯи шоҳону ҷанги сипоҳ
Бигустурду бинмуд як-як ба шоҳ.

Дили шоҳи Эрон аз он хира монд,
Хирадро ба андеша- андар нишонд.

Аз он рафтани шоҳи бартарманиш,
Ҳамон бадситоиш, ҳамон сарзаниш

Ҳаме гуфт, к-«Эй марди равшанравон,
Ҷавон бодиву рӯзгорат ҷавон!

Бифармуд, то сорбон[6] ду ҳазор
Биёвард уштур бари[7] шаҳрёр.

Зи боже, ки хезад зи Руму зи Чин,
Зи Ҳайтолу Мукрону Эронзамин.

Зи ганҷи шаҳаншоҳ карданд бор,
Бишуд корвон аз дари шаҳрёр.

Чу шуд борҳои шутур сохта,
Дили шоҳ аз он кор пардохта,

Фиристодаи Ройро пеш хонд,
Зи дониш фаровон суханҳо биронд.

Яке нома бинвишт наздики Рой,
Пур аз донишу ромишу ҳушу рой.

---

1. Л –б. 2765 нест.
2. Л – Бар ин
3. Л – будӣ
4. Л –сипоҳи ду шоҳ
5. Л – сар пур аз бод
6. ИЛ–сорвон
7. Л – Ҳаюн оварад пеши кай

www.sattor.com

Сари нома кард офарини бузург,
Ба Яздон паноҳаш зи деви сутург.

Дигар гуфт, к-Эй номвар шоҳи Ҳинд,
Зи дарёи Қаннуҷ то пеши[1] Синд

Расид он фиристодаи ройзан
Або чатру пилону он анҷуман.

Ҳамон тахти шатранҷу пайғоми Рой
Шунидему фармонаш[2] омад ба ҷой.

Зи донои ҳиндӣ замон хостем,
Ба дониш равонро биёростем.

Басе ройзан мӯбади некрой,
Пажӯҳиду[3] овард бозӣ ба ҷой.

Кунун орад ин мӯбади ҳушманд
Ба Қаннуҷ наздики Ройи[4] баланд.

Шутурвор бори гарон ду ҳазор,
Писандида чиз аз дари ёдгор.

Ниҳодем бар ҷои шатранҷ нард,
Кунун то ба бозӣ кӣ орад набард.

Бараҳман фаровон бувад покрой,
Ки ин бозӣ орад ба дониш ба ҷой.

Зи чизе, ки дид ин фиристода ранҷ,
Фиристад ҳама Ройи ҳиндӣ ба ганҷ.

В-ар эдун куҷо Рой бо раҳнамой
Бикӯшанду бозӣ наёяд ба ҷой,

Шутурвор бояд, ки ҳам з-ин шумор
Ба паймон кунад Ройи Қаннуҷ бор.

1. И –марзи
2. Л –пайғомаш
3. И –Пажӯҳанда; Л – Пажӯҳида
4. ИЛ – шоҳи

www.sattor.com

Кунад бор ҳамроҳ бо бори мо,
Бар ин аст паймону бозори мо.

Чу хуршед рахшанда[1] шуд бар сипеҳр,
Бирафт аз бари шоҳ Бузарҷмеҳр.

Або бору бо номаву тахти нард,
Дилаш пур зи бозори нангу набард.

Чу омад зи Эрон ба наздики Рой,
Бараҳман ба шодӣ варо раҳнамой

Биёмад ба наздикии тахти ӯй,
Бидид он сару афсару бахти ӯй.

Фаровон-ш бистуд бар паҳлавӣ,
Бад-ӯ дод пас номаи хусравӣ.

Паёми шаҳаншоҳ бо ӯ[2] бигуфт,
Рухи Ройи ҳиндӣ чу гул баршукуфт.[3]

Зи шатранҷбозиву аз ранҷи Рой
Бигуфт, он чи омад ҳама раҳнамой.[4]

Зи бозиву аз мӯҳраву ройи шоҳ,
В-аз он мӯбадони намояндароҳ

Бигуфт, он ки чун дид донандамард,
Чунон ҳам баробар биёвард нард.

Ба нома кунун ҳар чӣ кардаст ёд,
Бихонад, равонро бупечад зи дод.

Зи гуфтори ӯ шуд рухи Рой зард,
Чу бишнид гуфтори шатранҷу нард.[5]

1. И –тобанда
2. И –сипаҳдори Эрон
3. И – Аз он кор шуд Рой бо дард ҷуфт.
4. И – б. 2798 нест.
5. Л- б. 2801, 2802 нест.

www.sattor.com

НОШИНОХТАНИ ДОНАНДАГОНИ ҲИНД РОЙИ НАРДБОЗӢ

Биёмад яке номвар кадхудой,
Фиристодаро дод шоиста ҷой.

Яке хуррам айвон биёростанд,
Маю руду ромишгарон хостанд.

Замон хост з-ӯ номвар ҳафт рӯз,
Бирафт, он ки будаш зи дониш фурӯз.

Зи кишвар дабирони шоистамард
Яке анҷуман карду бинҳод нард.

Ба як ҳафта ҳар кас, ки буд тезвир
Аз он номдорони барнову пир,

Ҳаме бозҷустанд бозии нард
Ба рашку ба ному ба нангу набард.

Ба ҳаштум чунин гуфт мӯбад ба Рой,
Ки«Инро надонад касе сар зи пой.

Магар бо радон[1] ёр гардад хирад,
К-аз ин мӯҳра бозӣ бурун оварад.

Дили Рой аз он мӯбадон шуд дижам,
Равон пур зи ғам шуд, бурӯ пур зи хам.

Биёмад нуҳум рӯз Бузарҷмеҳр,
Пур аз орзу дил, пурожанг[2] чеҳр,

Ки эдар нафармуд моро диранг,
Набояд, ки гардад дили шоҳ танг.

Бузургони доно ба як сӯ шуданд,
Ба нодонии хеш хасту шуданд.

Чу бишнид, биншаст Бузарҷмеҳр,
Ҳама мӯбадон баркушоданд чеҳр.

1. ИЛ – равон
2. И – Ба ранги гули арғувон кард

www.sattor.com

Бигустурд пеш- андарун тахти нард,
Ҳама гардиши мӯҳраҳо ёд кард.

Сипаҳдор[1] бинмуду ҷангӣ сипоҳ,
Ҳам ороиши разму фармони шоҳ.

Аз ӯ хира шуд Рой бо ройзан,
Зи кишвар ҳамон номдор[2] анҷуман,

Ҳама меҳтарон офарин хонданд,
Варо мӯбади покдин хонданд.

Зи ҳар донише з-ӯ бипурсид Рой,
Ҳама посух омад якояк ба ҷой.

Хурӯше баромад зи донандагон,
Зи донишпажӯҳону хонандагон,

Ки инат[3] сухангӯву донандамард,
На аз баҳри бозиву шатранҷу нард.

Биёвард он гаҳ шутур ду ҳазор,
Ҳама бож Қаннуҷ карданд бор.

Зи уду зи анбар, зи кофуру зар,
Ҳам аз ҷомаву ҳам зи дурру гуҳар.

Або божи яксола аз пешгоҳ
Фиристод яксар ба даргоҳи[4] шоҳ.

Яке афсаре хост аз ганҷи Рой,
Ҳамон ҷомаи ӯ зи сар то ба пой

Бад-ӯ доду чанд офарин кард низ,
Ба ёрон-ш бахшид бисёр чиз.

Шутур ду ҳазор он гаҳ аз пеш бурд,
Або божу ҳадя мар ӯро супурд.

1. ИЛ – Бунаҳдор
2. И– Шигифте фурӯ монд з-ӯ
3. ИЛ – ин аст
4. И – наздики

www.sattor.com

Яке корвон буд, ки кас пеш аз он
Надиду набуд хоста беш аз он.

Биёмад зи Қаннуҷ Бузарҷмеҳр,
Барафрохта сар ба гардонсипеҳр.

Диле шод бо номаи шоҳи Ҳинд,
Набишта[1] ба ҳиндӣ хате бар паринд.

Ки Рою бузургон гувоӣ диҳанд,
На аз биму аз[2] сустроӣ[3] диҳанд,

Ки чун шоҳ Нӯшинравон[4] кас надид,
На аз мӯбадон низ ҳаргиз шунид.

На кас донишитар зи дастури ӯй,
Ба дониш сипеҳр аст ганҷури ӯй.

Фиристода шуд божи яксола пеш,
В-агар беш хоҳӣ, фиристам-т беш.

Зи бозӣ, ки паймон ниҳодем, низ
Фиристода шуд ҳарчи боист чиз.

Чу огоҳӣ омад зи доно ба шоҳ,
Ки бо кому бо шодӣ[5] омад зи роҳ.

Бад-он огаҳӣ шод шуд шаҳрёр,
Бифармуд, то ҳар кӣ буд номдор,

Зи шаҳру зи лашкар хабира[6] шуданд,
Бузургони бемар пазира[7] шуданд.

Ба шаҳр андаромад чунон арҷманд
Ба пирӯзии шаҳрёри баланд.

Ба айвон чу омад ба наздики тахт,
Бар ӯ шаҳрёр офарин кард сахт,

1. Л – Навишта
2. Л – бим ё
3. И–бим, к-аз покройӣ
4. И – Нӯширвон
5. И – божу бо хубӣ
6. Л – пазира; И – Бад-он шодмонӣ назира
7. Л–Або кӯсу пилу табира; И – Аз он ҳадяву бож чира

www.sattor.com

Ба бар-дар гирифташ ҷаҳондор шоҳ,
Бипурсидаш аз Рою аз ранҷи роҳ.

Бигуфт он куҷо рафт Бузарҷмеҳр,
Аз он бахти бедору меҳри сипеҳр.

Пас он номаи Ройи пирӯзбахт
Биёварду бинҳод дар пеши тахт.[1]

Бифармуд, то Яздгирди дабир
Биёмад бари шоҳи донишпазир.

Чу он номаи Ройи[2] ҳиндӣ бихонд,
Ҳама[3] анҷуман дар шигифтӣ бимонд.

Ҳам аз донишу ройи Бузарҷмеҳр,
Ҳам аз бахти солори хуршедчеҳр.

Чунин гуфт Кисро, ки «Яздон сипос,
Ки ҳастӣ хирадманду яздоншинос.

Меҳон тоҷу тахти маро бандаанд,
Дилу ҷон ба меҳри ман огандаанд.

Сипос аз Худованди хуршеду моҳ,
К-аз ӯяст пирӯзиву дастгоҳ».[4]

Шигифтитар аз кори Бузарҷмеҳр,
Ки дониш бад-ӯ дод чандин сипеҳр.

Бар ин достон-бар сухан сохтем,
Ба Талҳанду шатранҷ пардохтем.[5]

1. И – б. 2842–2844 нест.
2. И – шоҳи
3. Л – Яке
4. И – б 2849, 2850 нест.
5. Л – б. 2852 нест.

www.sattor.com

ДОСТОНИ ГАВ ВА ТАЛҲАНД ВА ПАЙДО ШУДАНИ ШАТРАНҶ

ОҒОЗИ ДОСТОН

Чунин гуфт фарзона Шоҳуи пир,
Зи Шоҳуи пир ин сухан ёд гир.

Ки дар Ҳинд марде сарафроз буд,
Ки бо ганҷу бо лашкару соз буд.

Ханида ба ҳар ҷою Ҷамҳур ном,
Ба мардӣ фузун кард аз Фур ном.

Ҳамон подшо буд[1] бар ҳиндувон,
Хирадманду бинову[2] равшанравон.

Варо буд Кашмир[3] то марзи Чин,
Бар ӯ хондандӣ меҳон[4] офарин.

Ба мардӣ ҷаҳонро гирифта ба даст,[5]
Варо Сандалӣ буд ҷои нишаст.[6]

Ҳам эдар будаш тоҷу ганҷу сипоҳ,
Ҳам эдар нигину ҳам эдар кулоҳ.

Ҳунарманд Ҷамҳури фарҳангҷӯй,
Сарафрози бодонишу обрӯй.[7]

Бад-ӯ шодмон зердастони ӯ,
Чи шаҳрӣ, чи аз дарпарастони ӯ,

Зане будаш андархуру[8] ҳушманд,
Ҳунарманду[9] бодонишу бегазанд.[10]

---

1. Л – Ҷаҳонподшо гашта; И – Шаҳи комрон гашта
2. Л – бедору
3. Л – буд зи Кашмир; И – Зи Мою зи Кашмир
4. Л – бар зи додор буд; И – зи меҳр
5. Л – ҷаҳоне гирифта ба мушт,
6. Л – ҳам ҷою пушт.
7. И – Хирадманду бодонишу обрӯй,
   Сарафрозу бедор, фарҳангҷӯй.
8. Л – андар хирад
9. Л – Хирадманду
10. И – б. 2861, 2862 нест.

www.sattor.com

Писар зод аз он шоҳ як[1] шаб яке,
Ки пайдо набудаш зи моҳ[2] андаке.

Падар чун бидид он ҷаҳондори нав,
Бифармуд, то ном карданд Гав.

Бар ин барнаёмад басе рӯзгор,
Ки бемор шуд ногаҳон шаҳрёр.

Ба кадбону андарз карду бимурд,
Ҷаҳоне пур аз дод Гавро супурд.

Зи хурдӣ нашоист Гав тахтро,[3]
На тоҷу камар бастани сахтро.[4]

Саронро ҳама сар пур аз гард буд,
Зи Ҷамҳур дилшон[5] пур аз дард буд.

Зи бахшидану хӯрдану доди ӯ
Ҷаҳон буд яксар пур аз ёди ӯ.

Сипоҳиву шаҳрӣ шуданд анҷуман,
Зану кӯдаку мард шуд ройзан,[6]

Ки ин хурдкӯдак надонад сипоҳ,
На доду на хашму на тахту кулоҳ.[7]

Ҳама подшоҳӣ шавад пургазанд,
Агар шаҳрёре набошад баланд.

Яке буд[8] бародар мар ин шоҳро,
Хирадманду шоистаи гоҳро.

Куҷо номи он номвар Мой буд.
Ба Данбар нишаста буторой буд.

---

1. Л – дар
2. Л – набуд аз падар
3. И – бахтро,
4. И – бастану тахтро.
5. И – Ҷамҳурашон дил
6. И – Зану марду кӯдак ҳама яксухан.
7. ИМ – Ки ин хурдкӯдак нашояд ба шоҳ,
   Чӣ донад зи ганҷу зи тахту сипоҳ.
8. Л – Будӣ як

www.sattor.com

Ҷаҳондидагон як ба як шоҳҷӯй
Зи Сандал ба Данбар ниҳоданд рӯй.

Бузургони Кашмир то марзи Чин
Ба шоҳӣ бар ӯ хонданд офарин.

Зи Данбар биёмад сарафроз Мой,
Ба тахти каён андаровард[1] пой.

Ҳамон тоҷи Ҷамҳур бар сар ниҳод,
Ба доду ба бахшиш сар андарниҳод.

Чу бар гоҳ шуд, моми Гавро бихост,
Бипарварду бо ҷон ҳаме дошт рост.

Паричеҳра обастан омад зи Мой,[2]
Писар зод аз ин номвар кадхудой.[3]

Варо подшо ном Талҳанд кард,
Равонро пур аз меҳри фарзанд кард.

Дусола шуд ин хурду Гав ҳафтсол,
Диловар гаве буд бо фарру ёл.

Бад-он чанд гаҳ Мой бемор гашт,
Дили ҷуфт пурдарду тимор гашт.

Ду ҳафта баромад, ба зорӣ бимурд,
Бирафту чаҳон дигареро супурд.

Ҳама сандалӣ хору[4] гирён шуданд,
Зи дуди[5] дили Мой бирён шуданд.

Нишастанд як моҳ бо сӯги шоҳ,
Сари моҳ яксар биёмад сипоҳ.

Ҳама номдорону гурдони шаҳр,
Ҳар он кас ки ӯ аз хирад дошт баҳр.

1. И – бузургӣ даровард
2. И – шоҳ,
3. И – он номвар подшоҳ.
4. ИЛ – зору.
5. ИЛ – дарди

www.sattor.com

Сухан рафт ҳар гуна бар анҷуман,
Чунин гуфт фарзона бо ройзан,

Ки «Ин зан, ки ӯ ҷуфти Ҷамҳур буд,
Ҳамеша зи кирдори бад дур буд.

Ҳама ростӣ хостӣ з-ин ду шӯй,
Набуд эч, то буд ҷуз додҷӯй.

Нажодест ин сохта додро,
Ҳамон ростирову бунёдро.[1]

Ҳамон беҳ, ки ин зан бувад шаҳрёр,
Ки ин монд аз меҳтарон[2] ёдгор».

Ба гуфтори ӯ[3] ром гашт анҷуман,
Фиристода шуд назди он покзан,[4]

Ки «Тахти ду фарзанди худро бигир,
Физоянда корест ин ногузир.

Чу фарзанд гардад сазовори гоҳ,
Бад-ӯ деҳ бузургиву ганҷу сипоҳ.

В-аз он пас ҳам омӯзгораш ту бош,
Дилорому дастуру ёраш ту бош».[5]

Ба гуфтори эшон зани некбахт
Биафрӯхт тоҷу биёрост тахт.

Фузун кард парҳезу хубиву дод,[6]
Ҳама подшоҳӣ бад-ӯ гашт шод.[7]

Бад-эшон супурд он ду фарзандро,
Ду меҳтарнажоди хирадмандро.

1. И –б. 2888–2891 нест.
2. И –ӯ монд аз ду шаҳон
3. И – Саросар бад-ин
4. И –поктан. Л– Чунин гуфт фарзона бо ройзан.
5. И –б. 2895, 2896 нест.
6. Л – Рой
7. Л – Ҳунарманду гетӣ сипурда ба пой;
ТПЗЛ– Ду мӯбад гузин кард покизарой,
Ҳунарманду гетӣ сипарда ба пой.*
* Л – Ки бошанд мар Синдро кадхудой.

www.sattor.com

Набудӣ аз эшон ҷудо як замон,
Ба дидори эшон будӣ шодмон.

Чу нерӯ гирифтанду доно шуданд,
Ба ҳар донише-бар тавоно шуданд,

Замон то замон як зи дигар ҷудо
Шуданди бари модари порсо,

Ки аз мо кадом аст шоистатар,
Ба дил бартару низ боистатар.

Чунин гуфт модар ба ҳар ду писар,
Ки «то аз шумо бо кӣ ёбам ҳунар?

Ҳунармандиву рою парҳезу дин,
Забон чарбу ҷӯяндаи офарин.

Чу доред ҳар ду ба шоҳӣ нажод,
Хирад бояду шарму парҳезу дод».

Чу танҳо шудӣ сӯи модар яке,
Чунин ҳам сухан рондӣ андаке,

Ки «Аз мо ду фарзанд кишвар кирост,
Ба шоҳиву ин тахту афсар кирост?»

Бад-ин[1] ном гуфтӣ, ки «тахт они туст,
Хирадмандиву рою[2] бахт они туст».

Ба дигар писар ҳам бад-ин сон сухан
Ҳаме рондӣ, то сухан шуд куҳан.

Дили ҳар яке шод кардӣ[3] ба тахт,
Ба ганҷу сипоҳу ба ному[4] ба бахт.

Расонданд ҳар ду ба мардӣ ба ҷой,
Бадомӯз шуд ҳар дуро раҳнамой.

1. Л – Бад-ӯ
2. Л – тахту
3. И – гаштӣ
4. И – фарру

www.sattor.com

Зи рашк уфтоданд ҳар ду ба ранҷ,
Барошуфтанд аз пайи тоҷу ганҷ.[1]

Ҳама шаҳру лашкар ба ду ним гашт,
Дили некмардон пур аз бим гашт.

ГУФТУГӮ КАРДАНИ ГАВ ВА ТАЛҲАНД АЗ БАҲРИ ТАХТ

Зи гуфти бадомӯз ҷӯшон шуданд,
Ба наздики модар хурӯшон шуданд.

Бигуфтанд, к-«Аз мо кӣ зеботар аст,
Ки бар неку бар бад шикеботар аст?»

Чунин посух овард фарзоназан,
Ки «Бо мӯбаде якдилу ройзан

Бибояд нишастан шуморо нахуст
Ба орому бо ком фарҷом ҷуст.[2]»

В-аз он пас гузида бузургони шаҳр,
Ҳар он кас, ки ӯ дорад аз рой баҳр,

Якояк[3] бипурсид бо[4] раҳнамун,
На хуб аст гармӣ[5] ба кор- андарун.

Касе к-ӯ биҷӯяд ҳаме тоҷу гоҳ,
Хирад бояду рою ганҷу сипоҳ.

Чу[6] бедодгар подшоҳӣ кунад,
Ҷаҳон пур зи гурму табоҳӣ кунад.

Ба модар чунин гуфт фарзона[7] Гав,
К-«Аз ин пурсиш андар миёна марав.[8]

1. И – б. 2913 нест.
2. И – б. 2918 нест.
3. И – Суханҳо
4. И – аз
5. И – некӯст кажжӣ
6. Л – Ки
7. И – пурмоя
8. И–машав.

www.sattor.com

Агар кишвар аз ман нагирад фурӯғ,
Бигӯю макун ҳеҷ ройи дурӯғ.

Ба Талханд биспор тахту кулоҳ,
Ман ӯро яке кеҳтарам некхоҳ.

В-агар ман ба солу хирад меҳтарам,
Ҳам аз пушти[1] Ҷамҳури кундоварам,

Бад-ӯ гӯй,[2] то аз пайи тоҷу тахт
Нагирад ба бедонишӣ кор сахт».

Бад-ӯ гуфт модар, ки «Тундӣ макун,
Бар андоза бояд, ки ронӣ сухун.[3]

Ҳар он кас, ки бар тахти шоҳӣ нишаст,
Миён баста бояд кушода ду даст.

Нигаҳ доштан пок ҷон аз бадӣ,
Ба дониш сипардан раҳи бихрадӣ.[4]

Ҳам аз душман ожир будан ба ҷанг,
Нигаҳ доштан баҳраи ному нанг.[5]

Зи доду зи бедоди шаҳру сипоҳ
Бипурсад Худованди хуршеду моҳ.

Агар пашша аз шоҳ ёбад ситам,
Равонаш ба дӯзах бимонад дижам.

Ҷаҳон аз шаби тира ториктар,
Диле бояд аз мӯй бориктар,

Ки аз бад кунад ҷону танро раҳо,
Бидонад, ки каҷжӣ наёрад баҳо.

Чу бар сар ниҳад тоҷ бар тахти дод,
Ҷаҳон яксар аз дод бошанд шод.[6]

---

1. И–тухми
2. Л – Бигӯӣ, ки
3. Л – по неҳ, баландӣ макун.
4. Л – эзадӣ.
5. ИЛ – б.2931 нест.
6. И – Замин яксар обод дорад ба дод,
   Ба додаш бувад мардуми даҳр шол.

www.sattor.com

Саранҷом[1] бистар зи хишт асту хок,
В-агар сӯхта гардад андар мағок.

Аз ин дудмон шоҳ Ҷамҳур буд,
Ки рояш зи кирдори бад дур буд.

На ҳангом буд мурдан ӯро, бимурд,
Ҷаҳонро ба кеҳтар бародар супурд.

Зи Данбар биёмад сарафроз Мой,
Ҷавон буд бинодилу покрой.[2]

Ҳама сандалӣ пеши ӯй омаданд,
Пур аз хун дилу шоҳҷӯй омаданд.

Биёмад ба тахти меҳӣ барнишаст,
Миён баста буду[3] кушода ду даст

Маро хост, анбоз гаштему ҷуфт,
Бидон, то бимонад сухан дар нуҳуфт.

Пас акнун, ки меҳтар бародар[4] туӣ,
Ба солу хирад низ бартар[5] туӣ,

Ҳамон кун, ки ҷонро надорӣ ба ранҷ,
Зи баҳри сарафрозиву тоҷу ганҷ.

Яке аз шумо гар кунам ман гузин,
Дигар гардад аз ман пур аз дарду кин.

Марезед хун аз пайи тоҷу ганҷ,
Ки бар кас намонад сарои сипанҷ».

Зи модар чу бишнид Талҳанд панд,
Наёмад-ш гуфтори ӯ судманд.

Ба модар чунин гуфт, к-«Аз меҳтарӣ
Ҳаме аз пайи Гав кунӣ доварӣ.

1. И – Ки фарҷом
2. И – раҳнамой.
3. ИЛ – танг баста,
4. И –Кунун бишнав аз он, ки меҳтар
5. И –хирад беҳтар

www.sattor.com

Ба сол ар бародар зи ман меҳтар аст,
На ҳар к-ӯ бувад меҳтар ӯ,[1] беҳтар аст.

Бад-ин шаҳру лашкар фаровон кас аст,
Ки ҳамсоли ӯ б-осмон каргас аст,

Ки ҳаргиз наҷӯянд гоҳу сипоҳ,[2]
На афсар, на ганҷу на тахту кулоҳ.[3]

Падар гар ба рӯзи ҷавонӣ бимурд,
На тахти бузургӣ касеро супурд.

Дилат чафта бинам ҳаме сӯи Гав,
Бар онӣ, ки ӯро кунӣ пешрав.

Ман аз гил бад-ин гуна мардум кунам,
Мабодо, ки номи падар гум кунам».

Яке модараш сахт савганд х(в)ард,
Ки безорам аз гунбади ложвард.

Агар ҳаргиз ин орзу хостам,
Зи яздону бар[4] дил биёростам,

Мабар з-ин сухан ҷуз ба некӣ гумон,
Машав тез[5] бо гардиши осмон,

Ки онро, ки хоҳад, диҳад некувӣ,
Нигар, ҷуз ба Яздон ба кас награвӣ.

Ман андохтам, ҳарчи омад зи панд,
Агар нест панди манат судманд,

Нигар, то чӣ беҳтар зи кор, он кунед,
В-аз ин пандҳо ромиши[6] ҷон кунед».

В-аз он пас ҳама бихрадонро бихонд,
Ҳама пандҳо[7] пеши эшон биронд.

1. И – кас, ки меҳтар бувад
2. И – кулоҳ,
3. И – На ганҷу на кишвар, на марзу сипоҳ.
4. И – Яздон бар ӯ
5. Л – бад ту
6. Л – тӯшаи
7. И – достон

www.sattor.com

Калиди дари ганҷи ду подшо,
Ки буданд бодонишу порсо,

Биёварду кард ошкоро ниҳон
Ба пеши ҷаҳондидагону меҳон.[1]

Саросар бар эшон бубахшид рост,
Ҳама кому ройи ду фарзанд хост.

Чунин гуфт з-он пас ба Талханд Гав,
Ки «Эй некдил марди бозори нав,

Шунидӣ, ки Ҷамҳур чанде зи Мой
Сарафрозтар буд ба солу ба рой.

Падар-т он гаронмояи некхӯй,
Накард зч аз тахти ӯ орзуй.

На нанг омадаш ҳаргиз[2] аз кеҳтарӣ.
Наҷуст эч бар меҳтарон[3] меҳтарӣ.

Нигар, то писандад чунин додгар,
Ки ман пеши кеҳтар бубандам камар?

Нагуфтаст модар сухан ҷуз ба дод,
Туро дил чаро шуд зи бедод шод?

Зи лашкар бихонем чанде меҳон,
Хирадманду баргашта гирди ҷаҳон.

Зи фарзонагон чун сухан бишнавем,
Ба рою ба фармонашон биграем,[4]

К-аз эшон ҳаме дониш омӯхтем,
Ба фарҳанг дилҳо барафрӯхтем».[5]

---

1. Л–ҷаҳондидагони ҷаҳон.
2. И – ҳеч.
3. И – меҳтараш
4. ТПИМ – Аз айвони модар пур аз* гуфтугӯй,
   Бирафтанду дилшон** пур аз ҷустуҷуй.
   Бар он барниҳоданд ҳар ду ҷавон,
   К-аз ин пас зн гурдону*** аз паҳлавон.
   Зи донову нодон сухан нашнавем****
   Ба гуфтори фарҳангиён биграем.

   * И – бад ин. ** И – дилҳо. *** и – кордонону. **** И –?
5. И – б. 2974 нест.

www.sattor.com

Биёмад ду фарзонаи раҳнамой,
Миёншон ҳаме рафт ҳар гуна рой.

Ҳаме хост фарзонаи Гав, ки Гав
Бувад[1] шоҳу дар Сандалӣ пешрав.

Ҳамон кас, ки устоди Талҳанд буд,
Ба фарзонагон-бар[2] хирадманд буд.

Ҳаме ин бар он барзаданд, он бар ин,
Чунин то ду меҳтар гирифтанд кин.

Ниҳоданд аз он пас ба[3] айвон ду тахт,
Нишаста бар ӯ ин ду фирӯзбахт.[4]

Диловар ду фарзанд бар дасти рост,
Ҳаме ҳар яке аз ҷаҳон баҳра хост.

Гаронмоягонро ҳама хонданд,
Ба айвон чапу рост биншонданд.

Забон баркушоданд фарзонагон,
Ки «Эй сарфарозону мардонагон,[5]

Аз ин номдорони фаррухнажод,
Кӣ донед расми падаршон ба ёд,

Кӣ хоҳед бар хештан подшо?
Кӣ доред аз ин ду ҷавон[6] порсо?

Фурӯ монданд андар он мӯбадон,
Бузургону бедордил бихрадон.

Нишаста ду шоҳи ҷавон бар ду тахт
Ба гуфти ду фарзонаи шӯрбахт.

Бидонист шаҳриву ҳам лашкарӣ,
К-аз он кор шӯр[7] ояду доварӣ.

1. И – Шавад
2. И – фарзонагӣ бо
3. И – Ниҳода шуд андар ду
4. И – Нишастанд бар тахт ду некбахт.
5. И–озодагон,
6. И – донед аз ин меҳтарон
7. И – ин кор ҷанг

www.sattor.com

Ҳама подшоҳӣ бувад[1] бар ду ним,
Хирадманд монад ба ранҷу ба бим.

Яке з-анҷуман сар баровард рост,
Ба ово[2] сухан гуфту бар пой хост,[3]

Ки «Мо аз ду дастуру ду[4] шаҳрёр,
Чӣ ёрем гуфтан, кӣ ояд ба кор?

Бисозем фардо яке анҷуман,
Бигӯем як бо дигар тан ба тан.

В-аз он пас фиристем як-як паём,
Магар шаҳрёрон биёбанд[5] ком».

Бирафтанд аз айвон жакону дижам,
Даҳон пур зи боду равон пур зи ғам.

Бигуфтанд, к-«Ин кор бо ранҷ[6] гашт,
Зи дасти ҷаҳондида андаргузашт.

Баробар надидем ҳаргиз ду шоҳ,
Ду дастури бадхоҳ бар пешгоҳ».

Бибуданд як шаб пурожанг чеҳр,
Бад-он гаҳ ки барзад сар аз кӯҳ меҳр,

Бирафтанд яксар бузургони шаҳр,
Ҳар он кас,[7] ки-шон буд з-он кор[8] баҳр.

Пуровоз шуд Сандалӣ чор сӯ,[9]
Сухан рафт ҳар гунае б-орзу.[10]

1. ИЛ – шавад
2. Л – Ҳам он гаҳ
3. ИМ – Яке марди донанда бар пой хост,
Сухан гуфтану сар баровард рост.
4. И – мо пеши ду номвар
5. И – шаҳрёрӣ биёбед
6. И – кори мо хеҷ
7. И –Касоне
8. И – аз кор
9. И – сӯй,
10. Л-ҳар гуна бар орзу; И – ҳар гуна бар орзуй.

www.sattor.com

Якеро зи гурдон ба Гав буд рой,
Дигар[1] сӯй Талҳанд буд раҳнамой.

Забонҳо зи гуфторҳо шуд сутӯҳ,
Нагаштанд ҳамроҳ бо ҳамгурӯҳ.[2]

Яке сӯи Талҳанд пайғом кард,
Забонро зи Гав пур зи дашном кард.

Дигар сӯи Гав рафт бо гурзу теғ,
Ки аз шоҳ ман ҷон надорам дареғ,

Пурошӯб шуд кишвари Сандалӣ
Бад-он некхоҳиву он баддилӣ.

Хирадманд гӯяд, ки дар як сарой
Чу фармон ду гардад, намонад ба ҷой.

ҶАНГ СОХТАНИ ГАВ ВА ТАЛҲАНД

Пас огоҳӣ омад ба Талҳанду Гав,
Ки ҳар барзанеро яке пешрав.[3]

Ҳама шаҳр вайрон кунанд аз ҳаво,
Набояд, ки доранд шоҳон раво.

Бибуданд аз он огаҳӣ пурҳарос,
Ҳаме доштандӣ шабу рӯз пос.

Чунон буд, ки рӯзе ду шоҳи ҷавон
Бирафтанд бе лашкару паҳлавон.

Забон баркушоданд як бо дигар
Пурожанг[4] рӯю пур аз ҷанг сар.

Гави номбардор шуд пурхурӯш,
Аз он гуфтаҳо андаромад ба ҷӯш.[5]

1. И – Яке
2. ТПЗ – Пароканда гашт он бузург анҷуман
   Сипоҳиву шаҳрӣ ҳама тан ба тан.
3. ТПМ – Падид омаду шаҳр шуд пурхурӯш,
   Хурӯше, ки дилҳо баромад ба ҷӯш.
4. И –Пур аз об
5. И –б. 3010 нест.

www.sattor.com

Ба Талҳанд гуфт: «Эй бародар,[1] макун,
К-аз андоза бугзашт моро сухун.

Ба беҳуда бар хира чизе маҷӯй,
Ки фарзонагон он набинанд рӯй.

Шунидӣ, ки Ҷамҳур чун[2] зинда буд,
Варо Мой ҳамчун яке банда буд.

Бимурд ӯву ман монда з-ӯ зору[3] хурд,
Яке хурдро гоҳ натвон супурд.

Ҷаҳон пур зи хубӣ буд аз[4] ройи ӯ,
Наёраст ҷустан касе ҷойи ӯ.

Бародар варо ҳамчу ҷон буду тан,
Ба шоҳӣ варо хостанд анҷуман.

Агар будаме ман сазовори гоҳ,
Накардӣ ба Мой- андарун кас нигоҳ.

Бар оини шоҳони пешин равем,
Зи фарзонагон неку бад бишнавем.

Ман аз ту ба солу падар меҳтарам,
Ту донӣ, ки ман тахтро барх(в)арам.[5]

Макун носазо, тахти шоҳӣ маҷӯй,
Макун рӯи кишвар пур аз гуфтугӯй».

Чунин дод Талҳанд посух, ки «бас!
Ба афсун бузургӣ наҷустаст кас.

Ман ин тоҷу тахт аз падар ёфтам,
Зи тухме, ки ӯ[6] кишт, бар ёфтам.

Ҳаме подшоҳиву ганҷу сипоҳ
Аз ин пас ба шамшер дорам нигоҳ.

1. И – Гав гуфт: «Шоҳо,
2. ИЛ – то
3. Л – Бимурду бимондам аз ӯ хору
4. И – буду
5. Л – гӯӣ ки ман меҳтару беҳтарам.
6. И – куҷо

www.sattor.com

Зи Ҷамҳур в-аз[1] Мой чандин магӯй,
Чу хоҳӣ ҳаме тахтро,[2] разм ҷӯй.

Сароншон пур аз ҷанг бозомаданд,
Ба шаҳр- андарун размсоз омаданд.

Сипоҳиву шаҳрӣ ҳама ҷангҷӯй,
Ба даргоҳи шоҳон ниҳоданд рӯй.

Гурӯҳе ба Талҳанд карданд рой,
Дигарро[3] ба Гав буд дил[4] раҳнамой.

Баромад хурӯш аз дари ҳар ду шоҳ,
Паеро[5] набуд андар он шаҳр роҳ.

Нахустин биёрост Талҳанд ҷанг,
Набудаш ба ҷанг аз далерӣ[6] диранг.

Дари ганҷҳои падар даркушод,[7]
Сипаҳро ҳама таргу ҷавшан бидод.[8]

Ҳама шаҳр яксар пур аз бим гашт,
Дили марди бихрад ба ду ним гашт,

Ки то чун бувад гардиши осмон,
Киро баркашад з-ин ду меҳтар замон.

Ҳама кишвар огоҳ шуд з-ин ду шоҳ,
Дамодам биёмад зи ҳар сӯ[9] сипоҳ.

Бипӯшид Талҳанд ҷавшан нахуст,
Ба хун рехтан ҷангҳоро[10] бишуст.

Биёвард Гав низ хафтону хӯд,
Ҳаме дод ҷони падарро дуруд.

1. И – аз; Л – Ҷамҳуру аз
2. И – Агар тахт хоҳӣ, яке; Л – Агар бо манӣ, тахт бо
3. Л –Якеро
4. И – Гурӯҳе ба Гав ҷонашон
5. Л – Якеро
6. И – Зи мардӣ набудӣ замоне
7. И – боз кард,
8. И– Салеҳи падарро ба лашкар сипард.
9. Л – ду
10. Л – чанги худро

www.sattor.com

Бад-он тезӣ аз ҷой бархостанд,
Ҳама пушти пилон биёростанд.

Ниҳоданд бар кӯҳаи пил зин,
Ту гуфтӣ, ҳаме ҷанг ҷӯяд замин.

Ҳама чашм[1] пурзангу зарриндарой,
Ҳама гӯш пур нолаи карраной.

Ба лашкаргаҳ омад ду шоҳи ҷавон,
Ҳама пеши бешӣ ниҳода равон.

Сипеҳр андар он размгаҳ хира шуд,
Зи гарди сипаҳ чашмҳо тира шуд.

Баромад хурӯшидани говдум,
Зи ду рӯй овои рӯинахум.[2]

Биёроста маймана, майсара,
Ту гуфтӣ, замин кӯҳ шуд яксара,

Ду лашкар кашиданд саф бар ду мил,
Ду шоҳи сарафроз бар пушти пил.

Дирафше дурафшон ба сар-бар ба пой,
Яке пайкараш бабру дигар ҳумой.

Пиёда ба пеш- андарун найзадор,
Сипардору шоистаи корзор.

ПАНД ДОДАНИ ГАВ ТАЛҲАНДРО

Нигаҳ кард Гав андар он дашти ҷанг,
Ҳаво дид чун пушти ҷангипаланг.

Ҳама гом хоку ҳама дашт хун,
Ба гирд[3] -андарун найза буд раҳнамун.

1. И – шаҳр
2. И – б. 3041 нест.
3. И – чанг

www.sattor.com

Ба Талҳанд-бар[1] чанд ҷонаш бисӯхт,
Хирад ҳам лаби ози[2] ӯ барбидӯхт.

Гузин кард марде сухангӯй Гав,
К-аз он меҳтарон ӯ будӣ пешрав,

Ки «Рав пеши Талҳанду ӯро бигӯй,
Ки бедод ҷанги бародар маҷӯй,

Ки ҳар хун, ки ояд ба кин рехта,
Ту бошӣ бад-он яксар овехта.

Яке гӯш букшой бар панди Гав,
Ба гуфтори бадгӯй ғарра машав.

Набояд, ки аз мо бад-ин корзор
Накӯҳиш бувад дар ҷаҳон ёдгор.

Аз[3] ин кишвари Ҳинд вайрон шавад,
Куноми палангону шерон шавад.

Бипарҳез аз ин разму овехтан,
Ба бедод-бар хира хун рехтан.

Дили ман бад-ин оштӣ шод кун,
Зи воми хирад гардан озод кун.

Ба паймон аз ин марз то марзи Чин
Туро бод, чандон ки хоҳӣ замин.

Ҳама меҳр бо ҷон баробар кунем,
Туро бар сари хеш афсар кунем.

Бубахшем шоҳӣ ба кирдори ганҷ,
Ки аз тахту афсар наярзад ба ранҷ.

В-агар ҷангу бедод ҷӯӣ ҳама,
Парокандани гирдкарда рама,

1. Л – хар
2. Л–Хирадро ҳаме лаб аз
3. Л –Кӣ; И –Гар

www.sattor.com

Бад-ин гетӣ- андар накӯҳиш бувад,
Бад-он - дар чу рафтӣ, пажӯҳиш бувад.[1]

Макун, эй бародар, ба бедод рой,
Ки бедодро нест бо дод пой».

Фиристода чун пеши[2] Талҳанд шуд,
Ба пайғоми шоҳ аз дари[3] панд шуд.

Чунин дод посух, ки «Гавро[4] бигӯй,
Ки дар ҷанг чандин баҳона маҷӯй!

Бародар нахоҳам[5] туро ман, на дӯст,
На мағзи ту аз дудаи мо, на пӯст.

Ҳаме[6] подшоҳӣ ту вайрон кунӣ,
Чу оҳанги ҷанги далерон кунӣ.

Ҳама бадсиголон ба назди туанд,
Ба Баҳромрӯз Урмузди туанд,

Гунаҳкор ҳам пеши Яздон туӣ,
Ки бадному бадгавҳару бадхуӣ.

Зи хуне, ки резанд, аз ин пас ба кин,
Ту бошӣ ба нафрину ман б-офарин.

Ва дигар, ки гуфтӣ, бубахшем тоҷ,
Ҳамин марзи боарзу ин тахти оҷ,

Тавоноиву ганҷу шоҳӣ марост,
Зи хуршед то пушти моҳӣ марост.[7]

Ҳар он гаҳ ки ту шаҳрёрӣ кунӣ,
Маро марз бахшиву ёрӣ кунӣ,

---

1. ТПМ– Битарс аз Худованди хуршеду моҳ,
Ки гум кардаӣ бегумон низ роҳ.
2. И – наздики
3. Л – Забону равонаш пур аз
4. И – Ӯро
5. Л – нахонам
6. И – Ҳама
7. Л – б. 3071 нест.

www.sattor.com

Нахоҳам, ки ҷон бошад андар танам,
Агар чашм бар тоҷу тахт афканам.

Кунун[1] баркашидам сипахро[2] рада,
Ҳаво шуд чу дебо ба зар ожада.[3]

Зи бас тиру ҷӯпину нӯки[4] синон
Надонад кунун Гав рикоб аз инон.

Бар овардгаҳ- бар сар афшон кунам,
Ҳама[5] лашкарашро[6] хурӯшон кунам.

Бад-он сон сипоҳ андарорам ба ҷанг,
Ки сер ояд аз ҷанг ҷангипаланг.

Биёрем Гавро кунун баста даст,
Сипоҳаш бубинанд гирди[7] шикаст,[8]

Ки аз бандагон низ то шаҳрёр,
Напӯшад касе ҷавшани корзор».[9]

Чу посух шунид он хирадманд[10] мард,
Биёмад, ҳама як ба як[11] ёд кард.

Ғамӣ шуд дили Гав, чу посух шунид,
Ки Талҳандро ҳеҷ дониш надид.

Пурандеша фарзонаро пеш хонд,
Зи посух фаровон суханҳо биронд.[12]

1. Л-Чу ман
2. И – ҷангро баркашидам
3. ИЛ – озада.
4. И – тарку
5. И – Гаву
6. Л–лашкари Гав
7. И – Ба марзу сипоҳ андарояд
8. ТПЗ – Зи теғам сароншон чу беҷон шаванд,
   Чунон хастагон зору печон шаванд.
9. И – б. 3079 нест.
10. И – сухангӯй
11. И – суханҳо ҳама
12. Л –б. 3076, 3077 нест.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт, к- «эй[1] марди фарҳангҷӯй,
Яке чораи кор бо ман бигӯй.

Ҳама дашт хун асту бетан сар аст,
Равонҳову дилҳо ба дард[2] андар аст[3].»

Набояд, к-аз ин ҷанг фарҷоми кор
Ба мо бозгардад бади рӯзгор».

Бад-ӯ гуфт фарзона, к-«Эй шаҳрёр,
Набояд туро панди омӯзгор.

Гар аз ман ҳаме бозҷӯӣ сухун,
Ба ҷанги бародар дуруштӣ макун[4].

Фиристодаеро ба наздики ӯй
Сарафрозу бодонишу хубгӯй[5]

Бибояд фиристоду додан паём,
Магар гардад ӯ андар ин ҷанг ром.

Бад-ӯ деҳ ҳама ганҷи[6] нобурда ранҷ,
Ту ҷони бародар гузин кун зи[7] ганҷ.

Чу бошад туро тоҷу ангуштарӣ,
Ба динор бо ӯ макун доварӣ.

Нигаҳ кардам аз гардиши осмон,
Ба зудӣ сар ояд мар ӯро[8] замон.

Зи гарданда ҳафт ахтар андар сипеҳр
Якеро надидам бар ӯ ройи[9] меҳр.

Табаҳ гардад ӯ ҳам бад-ин дашти ҷанг,
Набояд гирифтан бар ӯ кор танг.

1. Л–Эй.
2. Л – Равони гиромӣ ба банд
3. И – Равонро гузар бар ҷаҳондовар.
4. И – Гар аз ман сухан бозҷӯӣ ҳаме,
Ба ҷанги бародар мапӯӣ ҳаме.
5. ИЛ –чарбгӯй
6. И –Варо деҳ ҳама коми
7. И –ба
8. ИЛ-Бад-ин зудӣ ӯро сар ояд
9. И –рою; И –набинам бар ӯ рою

www.sattor.com

Мадеҳ[1] мӯҳри шоҳиву тахту кулоҳ,
Бад-он то-т баддил нахонанд шоҳ.

Дигар ҳар чӣ хоҳад зи аспу зи ганҷ,
Бидеҳ, то зи ҷонат намонӣ[2] ба ранҷ.

Ту худ[3] шаҳрёриву некахтарӣ,
Ба кори сипеҳрӣ[4] тавонотарӣ».

Зи фарзона[5] бишнид шоҳ ин сухун,
Дигарбора ройи[6] нав афканд бун.

Зи дарди бародар пур аз об рӯй,
Гузин кард некахтаре чарбгӯй.

Бад-ӯ гуфт: «Рав, сӯи Талҳанд шав,
Бигӯяш, ки пурдарду ранҷ аст Гав.

Аз ин гардиши чарху ин корзор
Ҳаме хоҳад аз додгар Кирдгор,[7]

Ки гирд орад андар дилат ҳушу меҳр,
Битобӣ зи ҷанги бародар ту чеҳр.

Зи фарзонаи ту, ки наздики туст,
Фиребандаи[8] ҷони торики туст,

Бипурс аз шумори даҳу дуву ҳафт,
Ки чун хоҳад ин кори бедод рафт.

Агарчанд тундиву ҷанг оварӣ,
Ҳам аз гардиши чарх барнагзарӣ.

Ҳама гирд бар гирди мо душман аст,
Ҷаҳоне пур аз мардуми риман аст.

---

1. ИЛ–Магар
2. Л – набошӣ
3. Л – гар
4. И – сипеҳраш
5. И – мӯбад чу
6. И – Дигар бор коре
7. ТП – Дилаш дардманд асту ҷон мустаманд,
   Танаш дар гузору равон пургазанд.
8. И – Ки ӯ душмани

www.sattor.com

Ҳам аз шоҳи Кашмиру фағфури Чин,
Ки танг аст аз эшон ба мо-бар замин.[1]

Накӯҳида бошем аз ин ҳар се рӯй,
Ҳам аз номдорони пархошҷӯй.

Чи гӯянд, к-аз баҳри тахту кулоҳ,
Чаро сохт Талҳанду Гав размгоҳ.

Ба гавҳар магар ҳамнажода наянд,
Ҳамон аз падар покзода наянд?!

Ба гуфтори нопокдил раҳнамун
Ҳаме даст ёзанд хешон ба хун.

Зи лашкар гар ой ба наздики ман,
Дурахшон кунӣ ҷони торики ман.

Зи динору дебо зи аспону ганҷ
Бубахшам, нахоҳӣ, ки бошам ба ранҷ.

Ҳам аз дасти ман кишвару мӯҳру тоҷ
Биёбӣ ҳамон ёраву тахти оҷ.

Зи меҳтар бародар туро нанг нест,
Маро орзу ҷустани ҷанг нест.

Агар панди ман як ба як нашнавӣ,
Ба фарҷоми корат пушаймон шавӣ».

Фиристода омад чу оби равон
Ба наздики Талҳанди тираравон.

Бигуфт, он чи Гав гуфт,[2] бифзуд низ
Зи шоҳиву аз ганҷу динору чиз.

Чу бишнид Талҳанд гуфтори ӯй,
Хирадмандиву ройи бедори ӯй,

Аз он, к-осмонро дигар буд роз,
Ба гуфти бародар наёмад фароз.

---

1. ТПМ – Ҳам аз ҷанги шерони Эронзамин
Битарсам, чу мо ҷанг созему кин.
2. Л – ӯ гуфту

www.sattor.com

Чунин дод посух, ки «Гавро бигӯй,
Ки ҳаргиз набошӣ ба ҷуз чораҷӯй.

Бурида забонат ба шамшери бад,
Танат сӯхта б-оташи ҳирбад.

Шунидам ҳама хом гуфтори ту,
Набинам ҷуз аз чора бозори ту.

Чӣ гуна диҳӣ ганҷу шоҳӣ ба ман,
Ту худ кистӣ з-ин бузург[1] анҷуман?![2]

Ҳамоно замонат фароз омадаст,
К-ат андешаҳои дароз омадаст.

Сипоҳ истода чунин бар ду мил
Ба овардгоҳи саворону[3] пил.

Фароз ор лашкар, биёрой ҷанг,
Ба разм омадӣ, чист чандин диранг?!

Кунун бинӣ аз ман чунон дастбурд,
Ки рӯзат ситора бибояд шумурд.[4]

Надонӣ ҷуз афсуну банду фиреб,
Чу дидӣ, ки омад ба пешат ниҳеб.[5]

Аз андеша дуриву аз тоҷу тахт,
Нахонад туро донишӣ некбахт!»

Фиристода омад лабон[6] пур зи бод,
Ҳама посухи подшо кард ёд.

Чунин то шаби тира бинмуд рӯй,
Фиристода омад ҳаме з-ин бад-ӯй.

1. Л –шумор
2. ТПЗИЛМ – Тавоноиву ганҷу шоҳӣ мароcт,
Зи хуршед то пушти моҳӣ мароcт.
3. И – Ҷаҳоне пур аз аспу мард асту; Л – Зи овардгоҳу зи пайкора
4. Л – донӣ
5. И – донӣ, ки омад ба тангӣ нишеб.
6. ИЛ – саре

www.sattor.com

Фуруд омаданд андар он размгоҳ,
Яке канда карданд гирди[1] сипоҳ.

Талоя ҳаме гашт бар гирди дашт,
Бар ин гуна, то он шаб андаргузашт

ҶАНГИ ГАВ ВА ТАЛҲАНД

Чу барзад сар аз бурҷи шер офтоб,
Замин шуд ба кирдори дарёи об.

Яке чодар овард хуршед зард,
Бигустурд бар гунбади ложвард.

Баромад хурӯшидани карраной,
Ҳам овои кӯс аз ду пардасарой.

Дирафши ду шоҳи нав омад падид,
Сипаҳ маймана, майсара баркашид.

Ду шоҳи сарафроз дар қалбгоҳ,
Ду дастури фарзона бар дасти шоҳ,[2]

Ба фарзонаи хеш фармуд Гав,
Ки гӯяд ба овоз бо пешрав,

Ки бар пой доред яксар дирафш,
Кашида ҳама теғҳои бунафш!

Яке аз ялон пеш манҳед[3] пой,
Пиёда набояд, ки ҷунбад зи ҷой,

Ки ҳар кас, ки тезӣ кунад рӯзи ҷанг,
Набошад хирадманду борою[4] санг.

Бубинам, ки Талҳанд бо ин сипоҳ
Чӣ гуна хиромад ба овардгоҳ.

1. ИЛ – пеши. И – бурҷи
2. Л –б. 3138, 3139 нест.
3. Л – нанҳед
4. ИЛ – бо марди санг.

www.sattor.com

Набошад ҷуз аз ройи Яздони пок
Зи рахшанда[1] хуршед то тирахок,

Чунонастам уммед аз рӯзгор,
Маро[2] рӯшноӣ диҳад Кирдгор.

Зи панд озмудему чанде зи меҳр
Бигуфтему Талҳанд нанмуд чеҳр.[3]

Марезед хун аз пайи хоста,
Ки ёбед худ ганҷи ороста.

В-агар номдоре бувад з-ин[4] сипоҳ,
Ки асп афканад тез бар[5] қалбгоҳ,

Чу Талҳандро ёбад[6] андар набард,
Набояд, ки бар вай фишонанд гард.[7]

Ниёишкунон пеши пили жаён
Бибояд шудан танг баста миён».

Хурӯше баромад, ки «Фармон кунем,
Зи ройи ту ороиши ҷон кунем».

В-аз он рӯи Талҳанд пеши сипоҳ,
Чунин гуфт, к-«Эй[8] посбонони гоҳ,

Гар эдун, ки бошем пирӯзгар,
Диҳад гардиши ахтари нек бар,

Ҳама теғҳо кинаро[9] баркашед,
Ба Яздон паноҳеду душман кушед.

1. И – гарданда
2. ИЛ – Ки мон
3. ТПИЛ – Гар эдун, ки пирӯз гардад сипоҳ,
Маро бар диҳад гардиши ҳуру моҳ.
4. И – ин
5. И –дар
6. И –бинад
7. И – вай дамад боди сард.
8. И – бо.
9. Л – Шумо теғҳоро ҳама

www.sattor.com

Чу ёбед[1] Гавро, набояд-ш кушт,
На бо ӯ сухан низ гуфтан дурушт.[2]

Бигиредаш аз кӯҳаи[3] пили маст,
Ба пеши ман оред баста ду даст.

Ҳамон[4] гаҳ хурӯшидани карраной
Баромад зи даҳлези пардасарой.

Аз овози аспону гарди сарон,
Гароидани гурзҳои гарон,

Ҳамон[5] кӯҳу дарё пуровоз гашт,
Ту гуфтӣ, сипеҳри равон бозгашт.

Зи бас наъраву чок-чоки табар
Надонист кас пой, гуфтӣ, зи сар.

Зи рахшанда пайкону парри уқоб
Ҳаме доман андаркашид офтоб.

Замин шуд ба кирдори дарёи хун,
Сару дашт шуд зери санг- андарун.

Чу пили жаён шоҳзода ду шоҳ,
Биронданд ҳар ду зи[6] қалби сипоҳ,

Хурӯше баромад зи Талҳанду[7] Гав,
Ки «Аз боди җӯпини ман[8] дур шав!

Ба ҷанги[9] бародар макун даст пеш,
Нигаҳ дор аз озори ман ҷони[10] хеш!»

Ҳаме ин бад-он гуфту ҳам он бад-ин,
Чу дарёи хун шуд саросар замин,[11]

---

1. Л – гиред
2. Л – вай
3. Л – пушти он
4. И – Пас он
5. ИЛ – Ҳама
6. И – пуркин ба
7. И – Чунин гуфт Талҳанди ҷангӣ ба
8. И – пеши гурзи гарон
9. ИЛ – ҷанг, эй
10. И –Зи Талҳанди ҷангӣ нигаҳ дор
11. И – б. 3167 нест.

www.sattor.com

Ялоне, ки буданд ханҷаргузор,
Бигаштанд перомани[1] корзор.

Зи захми ду шоҳ-он ду пархошҷӯй
Ҳаме хуну мағз андаромад ба ҷӯй.

Бад-ин гуна то хур зи гунбад бигашт,
Зи андоза овезиш андаргузашт.

Хурӯш омад аз дашту овози Гав,
Ки «Эй ҷангсозону гурдони нав,

Ҳар он кас, ки хоҳад зи мо зинҳор,
Мадоред аз ӯ кинаи корзор.[2]

Бад-он, то бародар битарсад зи ҷанг,
Чу танҳо бимонад, насозад диранг»[3].

Басе хостанд аз ялон зинҳор,
Басе кушта шуд дар дами корзор.

Пароканда гаштанд лашкар ҳама,
Рама бешубон шуд, шубон берама.

Чу Талҳанд-бар пил танҳо бимонд,
Гав ӯро ба овоз чанде бихонд,

Ки «рав,[4] эй бародар,[5] ба айвони хеш,
Нигаҳ кун ба[6] айвону[7] девони хеш.

Наёбӣ ҳамоно басе зинда тан
Аз ин теғзан номдор анҷуман.

Ҳама хубкорӣ зи Яздон шинос,
В-аз ӯ дор, то зинда бошӣ, сипос,

---

1. И – дар кинаву
2. И – б. 3169–3172 нест.
3. И – Пас аз б. 3173 ин б. омада:
   Чу бар кинагаҳ-бар миёнро бубаст,
   Ба Талҳанду лашкар даромад шикаст.
4. Л – Ой.
5. И – Аз ин ҷо ба коху
6. Л – Нигаҳбони
7. И – Хирому биёрой

www.sattor.com

Ки зинда бирафтӣ, ту аз дашти ҷанг,
На ҳангоми рой асту рӯзи диранг».

Чу бишнид Талҳанд овози ӯй,
Шуд аз нанг печону пур-об рӯй.

Ба Марғ[1] омад аз дашти овардгоҳ,
Фароз омадандаш зи ҳар сӯ сипоҳ.

Дари ганҷ букшоду рӯзӣ бидод,
Сипоҳӣ шуд ободу бокому шод.

Сазовори хилъат ҳар он кас, ки дид,
Биёрост ӯро, чунон чун сазид.

Ба динор чун лашкар обод гашт,
Дили ҷангҷӯ аз ғам озод гашт.

Паёме фиристод наздики Гав,
Ки «Эй тахтро чун ба полез хав,

Ба оташ бувӣ ногаҳон сӯхта,
Равон ожада, чашмҳо дӯхта.[2]

Бар онӣ, ки аз ман шудӣ бегазанд,
Дилатро ба зуннори афсун мабанд».

Чу бишнид Гав он паёми дурушт,
Равонро зи меҳри бародар бишуст.

Дилаш з-он суханҳо шуд андӯҳгин,
Ба фарзона гуфт: «Ин шигифтӣ бубин».[3]

Бад-ӯ гуфт фарзона: «Эй шаҳрёр,
Туӣ аз падар тахтро ёдгор.

Зи донишпажӯҳон ту донотарӣ,
Ҳам аз тоҷдорон тавонотарӣ.

1. И – Марв
2. И – Ба оташ тани хешро сӯхтӣ,
Равонро ба кин чашм бардӯхтӣ,
3. Л – б. 3189, 3190 нест.

www.sattor.com

Маро ин дуруст асту гуфтам ба шоҳ,
Зи гарданда хуршеду рахшанда моҳ,

Ки он номвар то нагардад ҳалок,
Нағалтад чу мор андар ин тирахок,

Наёсояду барнагардад зи ҷанг,
Туро чора дар ҷанг ҷустан диранг.[1]

Ба посух ту ӯро дуруштӣ магӯй,
Бипайванду озарми ӯро биҷӯй.

Ҳама кӯшиши ӯ ба кори бадист,
Чӣ созӣ, ки он бахшиши эзадист?!

Гар ӯ ҷанг созад, насозем ҷанг,
Ки ӯ бошитоб асту мо бодиранг».

Сипаҳбад фиристодаро пеш хонд,
Ба хубӣ[2] суханҳо фаровон биронд.

Бад-ӯ гуфт: «Рав, бо бародар бигӯй,
Ки[3] чанде дуруштиву тундӣ маҷӯй.

Дуруштӣ на зебост аз шаҳрёр,
Падар номвар буду ту номдор.

Маро ин дуруст аст, к-аз панди ман
Ту дуриву дурӣ зи пайванди ман,

Валекин маро, з-он ки ҳаст орзу,
Ки ту номвар бошиву некхӯ.

Бигӯям ҳама, он ки[4] андар дил аст,
Суханҳо, ки ҷонам бад-он моил аст.

Туро сар бупечид дастури бад
Аз осонии роҳу роҳи[5] хирад,

1. ИЛ –б. 3195 нест.
2. Л–чарбӣ
3. Л –Чи
4. И – ранҷ
5. И –Зи осониву хушу рою

www.sattor.com

Магӯ, эй бародар, сухан ҷуз ба дод,
Ки гетӣ саросар фусун асту бод.

Сӯи оштӣ ёз, то ҳар чи ҳаст
Зи ганҷу зи мардони хусравпараст,[1]

Фиристам якояк ҳама пеши ту,
Бубинад равони бадандеши ту,

Ки андар дили ман ба[2] ҷуз дод нест,
Мабодо, к-аз ин ҷони ту шод нест.

Бар ин аст роям, ки додам паём,
Агар бишнавад меҳтари хешком.

В-ар эдун, ки роят ҷуз аз ҷанг нест,
Ба хубиву пайвандат оҳанг нест,

Бисозам кунун ҷангро лашкаре,
Ки бояд сипоҳи маро кишваре.

Аз ин марзи обод мо бугзарем,
Сипаҳро ҳама пеши дарё барем.

Яке канда созем гирди[3] сипоҳ,
Бар ин ҷангҷӯён бубандем роҳ.

Зи дарё ба канда- дар об афканем,
Сари обҳо дар шитоб афканем.

Бад-он то ҳар он кас ки бинад шикаст,
Зи канда набошад варо роҳи ҷаст.

Зи мо ҳар кӣ пирӯз гардад ба ҷанг,
Нарезем хун андар он ҷои танг.

Сипаҳро ҳама дастгир оварем,[4]
Мабодо, ки шамшеру тир оварем».

1. Л – мардону нерӯи даст,
2. И – Равони маро пеша
3. Л – пеши
4. И – нахаста ба

www.sattor.com

Фиристода баргашту омад чу бод,
Бар ӯ-бар суханҳои Гав[1] кард ёд.

Чу Талҳанд бишнид пайғоми Гав,
Зи лашкар ҳар он кас, ки буд пешрав,

Бифармуд, то пеши ӯ хонданд,
Сазовортар ҷой биншонданд.

Ҳама посухи Гав бад-эшон бигуфт,[2]
Ҳама розҳо баркушод аз нуҳуфт.

Ба лашкар чунин гуфт, к-«Ин ҷанги нав
Ба дарё, ки андеша кардаст Гав,

Чӣ бинеду инро чӣ рой оварем,[3]
Ки андешаи ӯ[4] ба ҷой оварем?[5]

Агар буд хоҳед бо ман яке,
Напечад касе сар зи ҷанг андаке.

Агар ҷанг ҷӯям чи дарё, чи кӯҳ,
Чу дар ҷанг лашкар бувад ҳамгурӯҳ.[6]

Агар ёр бошед, бо ман ба ҷанг,
Аз овози рӯбаҳ[7] натарсад паланг.[8]

Ҳар он кас, ки ҷӯед номи бузург,
Зи гетӣ биёбед коми бузург.

Ҷаҳонҷӯй агар кушта ояд ба ном,
Беҳ аз зинда, душман бад-ӯ шодком,[9]

---

1. И – Ба Талҳанд-бар ин сухан
2. И – Суханҳои Гав як ба як бозгуфт.
3. И – оваред,
4. И – он
5. И – оваред.
6. И– Чу дар ҷанг лашкар бувад ҳамгурӯҳ,
   Чи дашту чи ҳомун, чи дарё, чи кӯҳ,
7. И – Зи овози шерон
8. И – наҳанг.
9. И – б. 3229 нест;
   ТПЛ – Фароз омад он рӯзгори бузург,
   Ба ҳомун падид ояд аз меш гург.

www.sattor.com

Ҳар он кас, ки дар ҷанг тундӣ кунад,
Ҳамон аз пайи судмандӣ кунад,

Биёбед аз ман басе хоста,
Парастандаву аспи ороста.

Зи Кашмир то пеши дарёи Чин
Ба ҳар шаҳр моро кунанд[1] офарин.

Бубахшам ҳама шаҳрҳо[2] бар сипоҳ,
Чу фармон маро гардаду[3] тоҷу гоҳ».

Ба посух ҳама меҳтарон пеши ӯй,
Якояк ниҳоданд бар хок рӯй,

Ки «мо номҷӯему ту шаҳрёр,
Бубинӣ кунун гардиши рӯзгор.

БОРИ ДИГАР РАЗМ КАРДАНИ ГАВ ВА ТАЛҲАНД ВА МУРДАНИ ТАЛҲАНД БАР ПУШТИ ПИЛ

Зи даргоҳи Талҳанд баршуд хурӯш,
Зи лашкар ҳама кишвар омад ба ҷӯш.

Сипаҳро ҳама сӯи дарё кашид,
В-аз он сӯ сипоҳи Гав омад падид.[4]

Баробар фуруд омаданд он ду шоҳ,
Ки буданд як бо дигар[5] кинахоҳ,

Ба гирд- андарун кандае сохтанд,
Чу шуд жарф, об андарандохтанд.

Ду лашкар баробар кашиданд саф,
Саворон ҳама бар лаб оварда каф.[6]

Биёроста майсара, маймана,
Кашиданд наздики дарё буна.

1. И – Ки ҳар кас наёбад ба ҷуз
2. И – марзҳо
3. И–бошаду
4. И–Сари найзаро бар Сурайё кашид.
5. И – бо якдигар
6. И –б. 3240 нест.

www.sattor.com

Ду шоҳи гаронмоя пурдарду кин
Ниҳоданд бар пушти пилон ду зин.

Ба қалб- андарун сохта ҷои хеш,
Шуда ҳар яке лашкаророи хеш.

Замин қор шуд, осмон шуд бунафш
Зи бас найзаву парниёи дирафш.

Ҳаво шуд зи гарди сипоҳ обнӯс
Зи нолидани бӯқу овои кӯс.

Ту гуфтӣ, ки дарё биҷӯшад ҳаме,
Наҳанг андар ӯ[1] хун хурӯшад ҳаме.

Зи захми табарзину кӯполу теғ[2]
Зи дарё баромад яке сурх меғ.[3]

Чу дар[4] пеш хуршед[5] доман кашид,
Чунон шуд, ки кас низ касро[6] надид

Ту гуфтӣ, ҳаво теғ борад ҳаме,
Ба хок- андарун лола корад ҳаме.[7]

Зи афканда гетӣ бар он гуна гашт,
Ки каргас наёраст бар сар гузашт.

Ҳама дашт мағзу ҷигар буду дил,
Ҳама наъли аспон зи хун пур зи гил.[8]

Гурӯҳе ба канда- дарун пур зи хун,
Дигар сарбурида фиканда нагун.

Зи дарё ҳаме хост аз бод мавҷ,
Сипоҳ андаромад ҳаме фавҷ-фавҷ.

---

1. ИЛ – андарун
2. И – кӯполи кин
3. И – Ту гуфтӣ, фитод осмон бар замин.
4. Л – бар
5. И–гард аз бари меҳр
6. И – Зи гурдон касе якдигарро
7. ТПМ – Хурӯшу фиғон з-осмон баргузашт,
   Яке растахезе падидор гашт.
   Ҷаҳондидаро дида хира бимонд.
   Ҷаҳон яксар аз гард тира бимонд.
8. И – б. 3251 нест.

www.sattor.com

Нигаҳ кард Талҳанд аз пушти пил,
Замин дид бар сони дарёи Нил.

Ҳамон бод бар сӯи Талҳанд гашт,
Ба обу ба нон орзуманд гашт.

Зи боду зи хуршеду шамшери тез
На ором диду на роҳи гурез.

Бар он зини заррин бихуфту бимурд,
Ҳама кишвари Ҳинд Гавро супурд.

Ба бешӣ ниҳодаст мардум ду чашм,
Зи каммӣ бувад дил пур аз дарду хашм.

На он монад, эй пири доно, на ин,
Зи гетӣ ҳама шодмонӣ гузин.

Агарчанд бифзояд аз ранҷ ганҷ,
Хама ганҷи гетӣ наярзад ба ранҷ.

Зи қалби сипаҳ чун нигаҳ кард Гав,
Надид он дирафши сипаҳдори нав.

Саворе фиристод, то пушти пил
Биҷӯяд, бигардад ҳаме мил-мил.

Бубинад, ки он лаъли рахшондирафш,
К-аз он буд рӯи саворон бунафш,

Куҷо шуд, ки ӯ нест ҷӯё набард,
Магар чашми ман тиратар кард гард.[1]

Савор омаду сарбасар бингарид,
Дирафши сари номдорон надид.

Ҳама қалбгаҳ дид пургуфтугӯй,[2]
Саворони лашкар ҳама шоҳҷӯй.

1. И – тиратар гашт чашмам зи гард; Л – б. 3264 нест.
2. И – ҳоюҳуй,

www.sattor.com

Фиристода баргашту омад чу гард.[1]
Суханҳо ҳама пеши Гав ёд кард.[2]

Сипаҳбад фуруд омад аз пушти пил,
Пиёда ҳаме рафт гирён ду мил.

Бародар чу Талҳандро мурда ёфт,[3]
Рухи лашкар аз гард[4] пажмурда ёфт,[5]

Саропои ӯ як ба як бингарид,
Ба[6] ҷое бар ӯ пӯст хаста надид.

Хурӯшон ҳаме гӯшти худро[7] биканд,
Нишаст аз бараш сӯгвору нажанд.

Ҳаме гуфт зор: «Эй набарда ҷавон,
Бирафтӣ пур аз дарду[8] хаста равон.

Туро гардиши ахтари бад бикушт,
В-агарна назад бар ту боде дурушт.

Бупечид аз омӯзгорон сарат,
Ту рафтиву мискин дили модарат.

Ба ҷарбӣ басе рондаам бо ту панд,
Наёмад туро панди ман судманд»,

Чу фарзонаи Гав бад-он ҷо расид,
Ҷаҳонҷӯй Талҳандро мурда дид.[9]

Хурӯшон биғалтид дар пеши Гав,
Ҳаме гуфт зор: «Эй ҷаҳондори нав!»

---

1. И – бод,
2. И – кард ёд.
3. И – дид,
4. И – дард
5. И – дид,
6. И – Ки.
7. И – пӯст аз тан; И – бозу
8. И – Бирафтиву кардим
9. ТПЗИЛ – Бародар-ш гирён дар* он паҳндашт,
Хурӯшаш ҳаме аз фалак даргузашт**.
* ИЛ бар. **И – Зи кайвон хурӯшаш ҳаме баргузашт.

www.sattor.com

В-аз он пас биёрост лабро ба панд,
Ба Гав[1] гуфт, к-«Эй шаҳрёри баланд,

Аз ин зориву сугворӣ чӣ суд,
Чунин рафту ин буданӣ кор буд.

Сипос аз ҷаҳонофаринат якест,
Ки Талханд бар дасти ту кушта нест.

Ҳама буданӣ гуфта будам ба шоҳ,
Зи кайвону баҳрому хуршеду моҳ,

Ки чандон бупечад ба разм ин ҷавон,
Ки бар хештан- бар сар орад замон.

Кунун кори Талханд чун бод гашт,
Ба нодониву тезӣ андаргузашт.

Сипоҳ аст чандин пур аз дарду хашм,
Саросар ҳама[2] бар ту доранд чашм.

Биёрому моро дил ором деҳ,
Хирадро ба ороми дил ком деҳ,

Ки чун подшоро бубинад сипоҳ,
Пур аз дард гирён пиёда ба роҳ,

Бикоҳад-ш назди сипоҳ обрӯй,
Фурӯмоя густох гардад бад-ӯй.

Ба кирдори ҷоме[3] гулоб аст шоҳ,
Ки аз гарди як[4] бод[5] гардад табоҳ.

Зи доно хирадманд бишнид панд,
Хурӯше зи лашкар баромад баланд,

Ки «Эй номдорону гурдони шоҳ,
Мабошед як тан бад-ин размгоҳ,

1. Л – Бад-ӯ
2. И–Ҳама яксара
3. ИЛ – ҷоми
4. И – гарду аз
5. И – бод ӯ зуд

www.sattor.com

Ки он лашкар акнун ҷудо нест з-ин,
Ҳама сохтан бояду офарин.[1]

Ҳама пок дар зинҳори манед,
В-аз он пурманиш ёдгори манед».

Пас он гоҳ донандагонро[2] бихонд,
Ба мижгон хама[3] хуни дил барфишонд.

Яке тангтобут кардаш зи оҷ,
Зи зарру зи пирӯзаву ҷӯби соҷ.

Ба дибқу ба қиру ба кофуру мушк
Сари тангтобут карданд хушк.

Бипӯшид рӯяш ба дебои Синд,
Шуд он номвар номбардори Ҳинд.

В-аз он ҷойгаҳ тез лашкар биронд,
Ба роҳу ба манзил фаровон намонд.

ОГОҲ ЁФТАНИ МОДАРИ ТАЛҲАНД АЗ МАРГИ ПИСАР ВА СӮГ КАРДАН АЗ БАҲРИ Ӯ

Чу шоҳон гузиданд ҷои набард,
Бишуд модар аз хобу орому х(в)ард.

Ҳамеша ба раҳ дидбон доштӣ,
Ба талхӣ ҳама рӯз бугзоштӣ.

Чу аз роҳ бархост гарди сипоҳ,
Нигаҳ кард бинодил аз дидагоҳ.

Зи боло дирафши Гав омад падид,
Ҳама рӯи кишвар сипаҳ густарид.

Ҳаме дидбон бингарид аз ду мил,
Ки бинад магар тоҷи Талҳанду пил.

1. И – пас аз б. 3291 ин б. омада:
Марезед хуну маёзед ҷанг,
Магиред бар он сипаҳ кор танг.
2. И – В-аз он пас ҳама меҳтаронро: Л – Аз он пас ҳама меҳтаронро
3. ИЛ – ҳаме

www.sattor.com

Наёмад падид аз миёни сипоҳ,
Саворе барафканд аз он дида гоҳ,[1]

Ки лашкар гузар кард аз ин сӯи кӯҳ,
Гаву ҳар кӣ буданд бо ӯ гурӯҳ.

На Талҳанд пайдо,[2] на пилу дирафш,
На он номдорони зарринакафш,

Зи мижгон фурӯ рехт хун модараш,
Фаровон ба девор барзад сараш.[3]

В-аз он пас чу омад бад-ӯ огаҳӣ,
Ки тира шуд он фарри шоҳаншаҳӣ,

Ҷаҳонҷӯй Талҳанд бар зин бимурд,
Сари гоҳи шоҳиш Гавро супурд.

Ба айвони ӯ шуд давон модараш,
Ба хун- андарун ғарқ гашта сараш.[4]

Ҳама ҷома бидриду рухро биканд,
Ба айвону ганҷ оташ андарфиканд.

Ҳаме тоҷу[5] тахти бузургӣ[6] бисӯхт,
В-аз он пас баланд оташе барфурӯхт,

Ки сӯзад танашро[7] ба оини Ҳинд,
В-аз он[8] сӯг пайдо кунад дини Ҳинд.

Чу аз модар огоҳ[9] омад ба Гав,
Барангехт он бораи тезрав.

Биёмад, варо танг дар бар гирифт,
Пур аз хун мижа хоҳиш андаргирифт,

1. И – б. 3302–3303 нест.
2. И – бинам,
3. Л – Ба хун- андарун ғарқа гашта бараш.
4. Л – б. 3307–3309 нест.
5. Л – Ҳамон коху
6. И – Ҳама коху тахти сипаҳбад
7. И – тани худ
8. И – Аз ин
9. ИЛ – огоҳӣ

www.sattor.com

Ки «эй модари меҳрубон, гӯш дор,
Ки мо бегуноҳем аз ин корзор.

На ман куштам ӯро, на ёрони ман,
На гурде гумон бурд аз он[1] анҷуман.

Кӣ худ пеши ӯ дам тавон зад дурушт,
Варо гардиши ахтари бад бикушт».

Бад-ӯ гуфт модар, ки «Эй бадкуниш,
Зи чархи баланд оядат сарзаниш.

Бародар кушӣ аз пайи тоҷу тахт,
Нахонад туро некдил некбахт».

Чунин дод посух, ки «Эй меҳрубон,
Нашояд, ки бар ман шавӣ бадгумон.

Биёром, то ман туро размгоҳ
Намоям, ҳамон кори шоҳу сипоҳ.

Кӣ ёраст шуд пеши он размҷӯй,
Киро буд дар сар худ ин[2] гуфтугӯй?

Ба додор, к-ӯ моҳу меҳр офарид,
Шабу рӯзу гардонсипеҳр офарид,[3]

К-аз ин пас набинад маро мӯҳру гоҳ,
На аспу на гурзу на теғу[4] кулоҳ,

Магар, к-ин сухан[5] ошкоро кунам,
Зи тундӣ дилат пурмудоро[6] кунам,

Ки ӯро ба дасти касе-бар замон
Наёмад, бубинӣ ба равшанравон.

Кӣ ёбад ба гетӣ раҳоӣ зи марг,
Агар ҷон бипӯшад ба пӯлод тарг?

1. И – аз ин номдор
2. И–чунин
3. ИЛ – меҳру моҳ
4. И – тахту
5. ИЛ – хадис
6. И – бомадоро

www.sattor.com

Чу ин шамъи рахшон фурӯ пажмурад,
Ба мардӣ касе як нафас нашмарад.

Агар чун намоям, нагардӣ ту ром,
Ба додори доранда, к-ӯрост ком,

Ки сӯзам ба оташ тани хешро,
Кунам шод ҷони бадандешро».

Чу бишнид модар суханҳои Гав,
Дареғ омадаш бурзу болои Гав,

Ки сӯзад ба оташ далере ҷавон,
Ҳунар нобисуда танашро равон.

Бад-ӯ гуфт модар, ки «Бинмой роҳ,
Ки чун мурд бар пил Талҳандшоҳ?

Магар бар ман ин ошкоро шавад,
Бар оташ дилам пурмадоро шавад?».

Пур аз дард шуд Гав бар айвони хеш,
Ҷаҳондида фарзонаро хонд пеш.

Бигуфт, он чи бо модараш рафта буд,
Зи модар чу бар оташ ошуфта буд.

Нишастанд ҳар ду ба ҳам ройзан,
Гаву марди фарзона беанҷуман.

Бад-ӯ гуфт фарзонаи некхӯ:
«Нагардад ба мо рост ин орзу.[1]

Зи ҳар ҷо[2] бихонем барнову пир,
Куҷо номдоре бувад тезвир.

Зи Кашмиру аз Дамбару Марғу Мой,
Аз он тезвирони ҷӯяндарой»[3]

1. И – гуфтугӯ.
2. И – сӯ.
3. ТПЛМ – Зи дарёву аз кандаву размгоҳ
Бигӯем бо марди ҷӯяндароҳ.

www.sattor.com

БОЗИИ ШАТРАНҶ СОХТАН АЗ БАҲРИ МОДАРИ ТАЛҲАНД

Саворон ба[1] ҳар сӯ барафканд Гав,
Ба ҷое,[2] ки буд мӯбаде[3] пешрав.

Саросар ба даргоҳи шоҳ омаданд,
Бад-он номвар боргоҳ омаданд.

Ҷаҳондор[4] биншаст бо ҳиндувон,
Бузургони донову равшанравон.

Сифат кард фарзона он размгоҳ,
Ки чун рафт пайкори шоҳу сипоҳ,

Зи дарёву аз кандаву обгир
Якояк бигуфтанд бо тезвир.

Нахуфтанд аз эшон яке тирашаб,
На бар якдигар баркушоданд лаб.

Зи майдон чу бархост овои кӯс,
Ҷаҳондидагон хостанд обнӯс.

Яке тахт карданд аз он чор сӯ
Ду марди гаронмояву[5] некхӯ.

Ҳамонанд он кандаву размгоҳ,
Ба рӯй андароварда рӯи сипоҳ.

Бар он тахт сад хона карда нигор,
Хиромидани лашкару шаҳрёр.

Пас он гаҳ ду лашкар зи соҷу зи оҷ,
Ду шоҳи сарафроз бо фарру тоҷ,

Пиёда падид андарун бо савор,
Ду саф карда ороиши корзор.

Зи аспону пилону дастури шоҳ,
Мубориз, ки асп афканад бар сипоҳ.

1. Л – зи
2. И – ҳар ҷо
3. Л – мӯбади
4. И – Ҷаҳонҷӯй
5. ИЛ – гаронмояи

www.sattor.com

Ҳама карда пайкар бар оини ҷанг,
Яке тезу ҷунбон, яке бодиранг.

Биёроста шоҳ қалби сипоҳ,
Зи як даст фарзонаи некхоҳ.

Абар дасти шоҳ аз ду рӯя ду пил,
Зи пилон шуда гирд ҳамранги нил.

Ду уштур бари пил карда ба пой,
Нишонда бар эшон ду покизарой.

Ба паҳлӯи уштур ду аспу ду мард,
Ки пархош ҷӯянд рӯзи набард.

Мубориз ду рух бар ду сӯи[1] ду саф
Зи хуни ҷигар бар лаб оварда каф.

Пиёда бирафтӣ зи пешу зи пас,
Ки ӯ буд дар ҷанг фарёдрас.

Чу бугзоштӣ то сар овардгоҳ,
Нишастӣ чу фарзона бар дасти шоҳ.

Ҳамон низ фарзона як хона беш
Нарафтӣ ба ҷанг аз бари шоҳ пеш.[2]

Се хона бирафтӣ сарафроз пил,
Бидидӣ ҳама размгаҳ бар[3] ду мил.

Се хона бирафтӣ шутур ҳамчунон,
Ба овардгаҳ-бар дамону данон.

Ҳамон рафтани асп се хона буд,
Ба рафтан яке хона бегона буд.[4]

Нарафтӣ касе пеши рух[5] кинахоҳ,
Ҳаме тохтӣ ӯ ҳама размгоҳ.[6]

1. ИЛ – рӯи.
2. Л – шоҳи хеш; И – б. 3361, 3362 нест.
3. ИЛ – аз
4. ИЛ – б. 3365 нест.
5. Л – Бирафтӣ зи ҳар сӯ рухи
6. И – ба пешишсипоҳ

www.sattor.com

Ҳаме ронд[1] ҳар як[2] ба майдони хеш,
Ба рафтан накардӣ касе камму беш.[3]

Чу дидӣ касе шоҳро дар набард,[4]
Ба овоз гуфтӣ, ки «Эй шоҳ,[5] бард!

Шаҳ аз хонаи хеш бартар шудӣ,
Ҳаме то бар ӯ ҷой танг омадӣ.[6]

В-аз он пас бубастанд бар шоҳ роҳ
Руху аспу фарзину пилу сипоҳ.

Нигаҳ кард гирд- андарун чор сӯ,[7]
Сипаҳ дид афканда чин дар бурӯ,[8]

Зи обу зи канда бар ӯ баста роҳ,
Чапу рост пешу пас- андар сипоҳ.

Шуд аз ранҷу аз[9] ташнагӣ шоҳ мот,
Чунин ёфт аз чархи гардон барот.[10]

Зи шатранҷ Талҳанд буд орзуй,
Гав он шоҳи озодаи некхӯй.

Ҳаме кард модар ба бозӣ нигоҳ,
Пур аз хун дил аз дарди Талҳандшоҳ.

---

1. И – Ҳаметохт
2. Л – кас
3. И – Пас аз б. 3367 ин б. омада:
   Чу бурдӣ яке ҳамла бар дигаре,
   Нигаҳ доштӣ мар варо ёваре.
   Чу хасмаш даровардӣ ӯро зи пой,
   Сабук хуни ӯ хостӣ раҳнамой,
   Агар хира гаштӣ, бурун омадӣ,
   В-агар ғарқа гаштӣ, ба хун омадӣ.
   Будӣ расми он номвар меҳтарон
   Нигаҳ доштан гашти якдигарон.
4. И – навард,
5. И – аз роҳ
6. И – Сабук шоҳ аз роҳ бархостӣ,
   К-аз он лашкар ӯ ёварӣ хостӣ.
7. И – шоҳ андар он чор сӯй; Л–андараш чор сӯй,
8. ИЛ – рӯй.
9. Л – в-аз
10. Л–субот.

www.sattor.com

Нишаста шабу рӯз пурдарду хашм,
Ба бозии шатранҷ дода ду чашм.

Ҳама кому рояш ба шатранҷ буд,
Зи Талҳанд ҷонаш пур аз ранҷ буд.

Ҳамеша ҳаме рехт хунин сиришк,
Бад-он дард шатранҷ будаш пизишк».

Бад-ин гуна буд ночарону чамон,
Чунин то баромад[1] бар ӯ-бар[2] замон.[3]

Сар омад кунун бар ман ин достон
Чу бишнудам[4] аз гуфтаи бостон.[5]

ГУФТОР АНДАР ОВАРДАНИ БАРЗУЙ КАЛИЛА ВА ДИМНАРО АЗ ҲИНДУСТОН

Нигаҳ кун, ки шодон Барзин чӣ гуфт,
Бад-он гаҳ ки букшод роз аз нуҳуфт.

Зи кори[6] шаҳаншоҳ Нӯшинравон,
Ки номаш бимонод доим ҷавон.

Зи ҳар донише мӯбадон хостӣ,[7]
Ки даргоҳ аз эшон биёростӣ.[8]

Пизишку сухангӯву кундоварон,
Гузорандаи хоб номоварон.

Або он яке номвар меҳтаре,
Куҷо ҳар сареро будӣ афсаре,

---

1. Л–сар омад
2. И–Сари моҳ бар вай сар омад
3. ТПМ – Чунин аст кори ҷаҳонро ниҳод,
   К-аз ӯ гоҳ ғамгин буви, гоҳ шод.
4. Л– бишнидам
5. ТПМ – Ҳамин тахти шатранҷ аз он рӯзгор
   Бимондаст бар мардумон ёдгор.
6. ИЛ – Ба гоҳи
7. Л–доштӣ,
8. Л – Бад-он хуррамӣ рӯз бугзоштӣ;
   ТПЗЛ – Ба фармони ӯ буд яксар ҷаҳон,
   Бузургону корозмуда меҳон.

www.sattor.com

Пизишке сароянда Барзуй буд,
Ба пирӣ расида суханҷӯй[1] буд.

Зи ҳар донише доштӣ баҳрае,
Ба ҳар баҳрае дар ҷаҳон шӯҳрае.

Чунон буд, ки рӯзе ба ҳангоми бор
Биёмад[2] бари номвар шаҳриёр.

Чунин гуфт, к-«Эй шоҳи донишпазир,
Пажӯҳандаи донишу ёдгир,

Ман имрӯз дар дафтари ҳиндувон
Ҳаме бингаридам ба равшан равон,

Набишта[3] чунин буд, ки дар кӯҳи Ҳинд,
Гиёест рахшон чу румӣ паринд,

Ки онро чу гирд оварад раҳнамой,
Биёмезаду дониш орад ба ҷой,

Чу бар мурда бипроканӣ, бегумон
Сухангӯй гардад ҳам андар замон.

Кунун ман ба дастурии шаҳрёр
Бипаймоям ин[4] роҳи душворхор.

Басе дониши раҳнамой оварам,
Магар, к-ин шигифтӣ ба ҷой оварам.

Тани мурда гар зинда гардад, равост,
Ки Нӯшинравон[5] бар ҷаҳон подшост».

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Ин нашояд будан,
Магар к-озмунро бибояд шудан.

Бибар номаи ман бари Ройи Ҳинд,
Нигар, то кӣ бошад буторои[6] Ҳинд,

1. ИЛ – сухангӯй
2. И – Бирафт ӯ
3. Л – Навишта
4. И – он
5. И – Чу Нӯширвон
6. Л – дилорои

www.sattor.com

Бад-ин кор бо хештан ёр хоҳ,
Ҳаме[1] ёрӣ аз бахти бедор хоҳ.

Аз ин нав шигифте шавад[2] дар ҷаҳон,
К-аз ин гуфта рамзе бувад дар ниҳон.

Бубар, ҳарчӣ бояд, ба наздики Рой,
К-аз ӯ боядат бегумон раҳнамой».

Дари ганҷ букшод Нӯшинравон,
Зи чизе ки буд дархури хусравон,[3]

Зи динору дебову хаззу ҳарир,
Зи мӯҳру зи афсар, зи мушку абир,[4]

Шутурвор сесад биёрост шоҳ,
Фиристода бархост з-он боргоҳ.

Биёмад бари Рою нома бидод,
Сари борҳо пеши ӯ баркушод.

Чу бархонд он номаи шоҳ Рой,
Чунин гуфт, к-«Эй марди покизарой,

Зи Кисро маро ганҷ бахшида нест,[5]
Тану лашкару[6] подшоҳӣ[7] якест.

Зи доду зи фарру зи авранги шоҳ
В-аз он равшанибахту он дастгоҳ

Набошад шигифт аз ҷаҳондори пок,
Барорад ҳаме мурдагонро зи хок.

Бараҳман ба кӯҳ- андарун ҳар кӣ ҳаст.
Яке дорад ин ройро бо ту даст.[8]

---

1. Л – Ҳама. И –Ҳамон
2. ИЛ – шавӣ
3. Л – румӣ, ки буд ҷомаи ҳиндувон; И –парра, ки буд ҷомаи ҳиндувон.
4. ТПЗЛ– Ҳам аз ёраву гавҳари шоҳвор,
   Ҳам аз тавқ в-аз афсару гӯшвор.
5. И – он чи бахшиданист,
6. И – кишвару
7. Л – ганҷи шоҳӣ
8. И –Ҳама ҷумла бошад туро зердаст.

www.sattor.com

Буторой фархунда дастури ман,
Ҳамон ганҷу пурмоя ганҷури ман.

Баду неки Ҳиндустон пеши туст,
Бузургӣ маро дар каму беши туст.

Биёростандаш ба наздики Рой
Яке номвар, чун бибоист ҷой.

Фиристодаш афкандану хӯрданӣ,
Ҳамон пӯшиши нағзу густурданӣ.

Ҳама шаб ҳаме буд[1] бо мӯбадон,
Бузургони Қаннуҷу ҳам бихрадон.[2]

Чу барзад сар аз кӯҳ рахшанда рӯз,[3]
Падид омад он шамъи гетифурӯз.[4]

Пизишкони донандаро хонд Рой,
Касе, к-ӯ ба дониш будӣ раҳнамой,

Бифармуд, то назди доно шаванд,
Зи Барзуй як-як сухан бишнаванд.

Бирафтанд ҳар кас, ки доно буданд,
Ба кори пизишкӣ тавоно буданд.[5]

Чу Барзӯй бинҳод сар сӯи кӯҳ,
Бирафтанд бо ӯ пизишкон гурӯҳ.[6]

Пиёда ҳама кӯҳсорон ба пой
Бипаймуд бо дониши раҳнамой.

Гиёҳон зи хушку зи тар баргузид,
Зи пажмурдаву ҳарчи рахшанда дид.

1. ИЛ – бизад рой
2. Л –Пас аз б. 3415 ин б. омада:

Шаҳаншоҳ чун дид аз андеша ранҷ,
Бифармуд, то ҷомадасте зи ганҷ
Биёвард ганҷуру аспе гузин
Нишасти шаҳаншоҳ карданд зин.

3. И – гетифурӯз,
4. И – тобони рӯз.
5. Л –б. 3417–3419 нест.
6. И–б. 3418–1420 нест.

www.sattor.com

Зи ҳар гунае суд аз он хушку тар,
Ҳаме барпароканд бар мурда бар.

Яке мурда зинда нагашт аз гиё,
Ҳамоно, ки суст омад он кимиё.

Ҳама кӯҳ биспард як-як ба пой,
Бари ранҷи ӯ ҳам наёмад ба ҷой.

Бидонист, к-он кори он подшост,
Ки зиндасту ҷовид фармонравост.

Дилаш гашт ҷӯшон зи ташвири шоҳ,
Ҳам аз номдорону в-аз[1] ранҷи роҳ.

В-аз он хоста низ, к-оварда буд,
Зи гуфтори беҳуда озурда буд.

Зи кори набишта[2] бишуд[3] тангдил,
Ки он марди бедонишу сангдил

Чаро хира бар бод чизе навишт,
Ки бор оварад ранҷу[4] гуфтори зишт.

Чунин гуфт аз он пас бад-он бихрадон,
Ки «Эй кордида, ситуда радон,

Кӣ донед донотар аз хештан,
Куҷо сар барафрозад аз анҷуман?»

Ба посух шуданд анҷуман ҳамсухан,
Ки донандае ҳаст[5] эдар куҳан.

Ба солу хирад ӯ зи мо меҳтар аст,
Ба дониш зи ҳар меҳтаре беҳтар аст.

Чунин гуфт Барзуй бо ҳиндувон,
Ки «Эй номдорони равшанравон,

1. И – номдорону аз
2. Л – навишта
3. И – шуда
4. ИЛ –бар н-ояд аз ранҷи
5. ИЛ – донанда пирест

www.sattor.com

Бар ин ранҷҳо-бар фузунӣ кунед,
Маро сӯи[1] ӯ раҳнамунӣ кунед.

Магар, к-он сухангӯи донои пир
Бар ин кор бошад маро дастгир».

Бибурданд Барзуйро назди ӯй,
Пурандеша дил, лаб пур аз гуфтугӯй.

Чу[2] наздики ӯ шуд сухангӯй мард,
Ҳама ранҷҳо назди[3] ӯ ёд кард.

Зи кори набишта, ки омад падид,
Суханҳо, ки аз кордонон[4] шунид.

Бар ӯ пири[5] доно сухан[6] баркушод,
Зи ҳар донише пеши[7] ӯ кард ёд,

Ки мо аз набишта ҳаме ёфтем,
Бар ин орзу тез[8] биштофтем.

Чу з-он ранҷҳо барнаёмад падид,
Бибоист ночор[9] дигар шунид.

Гиё чун сухан дону дониш чу кӯҳ,
Ки бошад ҳамасола дур аз гурӯҳ.

Тани мурда чун марди бедониш аст,
Ки нодон[10] ба ҳар ҷой беромиш аст.

Ба дониш бувад бегумон зинда мард,
Ҳунук ранҷбардори пояндамард.[11]

---

1. И – назди
2. И – Ба
3. ИЛ –пеши
4. И –пири доно
5. Л –низ
6. И-Бад-ӯ низ доно забон
7. И – назди
8. Л– низ
9. Л – ноком
10. Л – Гиё з-он
11. ТП – Яке дафтаре ҳаст дар ганҷи шоҳ,
Ки хонад «Калила» варо некхоҳ.

www.sattor.com

Чу мардум зи нодонӣ омад сутӯҳ,
Гиё чун Калил асту дониш чу кӯҳ,

Ки бошад ба дониш намояндароҳ,
Биёбӣ, чу ҷӯӣ ту дар ганҷи шоҳ.

Чу бишнид Барзуй, аз ӯ шод гашт,
Ҳама ранҷ бар чашми ӯ бод гашт.

Бар ӯ офарин карду шуд назди шоҳ,
Ба кирдори оташ бипаймуд роҳ.

Биёмад ниёишкунон пеши Рой,
Ки то Ҳинд бошад, ту бошӣ ба ҷой.[1]

«Китобест, эй Ройи густурдаком,
Ки онро ба ҳиндӣ «Калила»-ст ном.

Ба мӯҳр аст бо арҷ дар ганҷи шоҳ,
Ба рою ба дониш намояндароҳ.

Ба рамз он гиё ин «Калила»-сту бас,
Магар довари Ҳинд фарёдрас

Ба ганҷур фармон диҳад, то зи ганҷ
Супорад ба ман, гар надорад ба ранҷ.

Дижам гашт аз он орзу ҷони Рой,
Бупечид бар хештан-бар ба ҷой.

Ба Барзуй гуфт: «Ин кас аз мо наҷуст,
На акнун, на аз рӯзгори нахуст.

Валекин ҷаҳондор Нӯшинравон,
Агар тан бихоҳад маро бо равон,

Надорем аз ӯ боз чизе, ки ҳаст,
Агар сарфароз аст, агар зердаст.[2]

Валекин бихонӣ магар пеши мо,
Бад-он то равони бадандеши мо

1. И -б. 3450, 3451 нест.
2. И – б. 3458, 3459 нест.

www.sattor.com

Нагӯяд, ба дил, к-он набиштаст кас,
Бихону бидону бубин пешу пас».[1]

Бад-ӯ гуфт Барзуй, к-«Эй шаҳрёр,
Надорам фузун з-он, ки гӯӣ ту кор.

Калила биёвард ганҷури Рой,
Ҳаме буд Барзуй бо раҳнамой.

Ҳар он дур, ки аз[2] нома бархондӣ,
Ҳамарӯза[3] бар[4] дил ҳаме рондӣ.

Зи нома фузун з-он, ки будиш ёд,
На бар хондӣ низ то бомдод.

Чу з-ӯ нома рафтӣ ба шоҳи ҷаҳон,
Дарӣ аз «Калила» набиштӣ[5] ниҳон.

Бад-ин чора то номаи ҳиндувон,
Биёмад ба наздики Нӯшинравон.[6]

Ҳаме буд шодондилу тандуруст,
Ба дониш ҳаме ҷони равшан бишуст.

Бад-ин гуна то посухи нома дид,
Ки дарёи[7] дониш бари мо расид.[8]

Зи айвон биёмад[9] ба наздики Рой
Ба дастурии бозгаштан ба ҷой.

Чу букшод лаб, Рой[10] бинвохташ,
Яке[11] хилъати ҳиндувӣ сохташ.

Ду ёра баҳо гиру ду гӯшвор,
Яке тавқи пургавҳари шоҳвор.

1. И – назди ман, бифкан аз дил ҳавас.
2. Л – к-аз ин
3. Л – рӯз
4. И – рӯз бо
5. Л – Бад-ӯ дар навишти «Калила»; И – «Калила» бар ӯ-дар навишта
6. Л – бари шоҳ Нӯширвон; И – Нӯширвон.
7. Л – даҳ боби
8. И –б. 3468, 3469 нест.
9. ИЛ – Аз айвон биёмад
10. И –бикшуд лабро
11. И – Ҳаме

www.sattor.com

Ҳамон шораи ҳиндиву[1] теғи Ҳинд,
Ҳама рӯи оҳан саросар паринд.

Баромад зи Қаннуҷ Барзуй шод,
Басе донише баргирифта[2] ба ёд.

Зи раҳ чун расид андар он боргоҳ,
Ниёишкунон рафт наздики шоҳ.

Бигуфт, он чи аз Рой диду шунид,
Ба ҷои гиё дониш омад падид.

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй писандида мард,
«Калила» равони маро зинда кард.

Ту акнун зи ганҷур бистон калид,
Зи чизе, ки бояд[3] бибояд гузид».

Биёмад хирадёфта сӯи ганҷ,
Ба ганҷур бисёр нанмуд ранҷ.

Дирам буду гавҳар ба[4] чаппу ба[5] рост,
Ҷуз аз ҷомаи шоҳ[6] чизе нахост.

Гаронмоя дасте[7] бипӯшиду рафт,
Ба даргоҳи Кисро хиромид тафт.

Чу омад ба надики тахташ фароз,
Бар ӯ офарин карду бурдаш намоз.

Чунин гуфт Барзуйро шаҳрёр,
Ки «Бе бадраву гавҳари шоҳвор

Чаро рафтӣ, эй ранҷдида, зи ганҷ,
Касеро сазад ганҷ, к-ӯ дид[8] ранҷ».

1. ИЛ – шораву мӯҳмилу
2. И – достонҳо гирифта
3. И – хоҳӣ,
4. И – дастуру ганҷур бинмуд; Л – бинмуд
5. И – зи
6. И – ҷома аз ганҷ
7. И – ҷома
8. И – бурд

www.sattor.com

Чунин дод Барзуй посух ба шоҳ,
Ки «Эй тоҷи ту бартар аз чархи[1] моҳ,

Ҳар он кас, ки ӯ пӯшиши шоҳ ёфт,
Ба бахту ба тахти меҳӣ роҳ ёфт.

Дигар он, ки бо ҷомаи шаҳрёр
Бубинад маро марди носозгор,

Дили бадсиголон шавад тору танг,
Бимонад рухи дӯст бо обу ранг.[2]

Яке орзу хоҳам аз шаҳрёр,
Ки монад зи ман дар ҷаҳон ёдгор,

Ки бинвисад ин нома Бузарҷмеҳр,
Кушояд бар ин ранҷ Барзуй чеҳр.

Нахустин дар аз ман кунад ёдгор
Ба фармони пирӯзгар шаҳрёр.

Бад-он то пас аз марги ман дар ҷаҳон
Зи донанда[3] ранҷам нагардад ниҳон».

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Ин бузург орзуст,
Бар андозаи марди озармҷӯст,

Валекин ба ранҷи ту андарх(в)ар аст,
Сухан гарчи аз пойгаҳ бартар аст».

Ба Бузарҷмеҳр он замон шоҳ гуфт,
Ки «Ин орзуро набояд нуҳуфт».

Нависанда аз килк чун хома кард,
Зи Барзуй як дар сари нома кард.

Набиштанд[4] бар номаи хусравӣ,
Набуд он замон хат ба ҷуз паҳлавӣ.

1. Л – чарху; И – зи чарху зи
2. И –б. 3486, 3487 нест.
3. Л – Бидонанд
4. Л – Навиштанд

www.sattor.com

Ҳаме буд бо арҷ[1] дар ганҷи шоҳ,
Бад-ӯ носазо пас накардӣ нигоҳ.

Чунин то ба тозӣ сухан ронданд,
Аз он паҳлавонӣ ҳаме хонданд.

Чу Маъмуни равшан ҷаҳон тоза кард,
Хуру рӯз[2] бар дигар андоза кард.

Дили мӯбадон дошту ройи каён,
Бубаста ба ҳар донише- бар миён.[3]

«Калила» ба тозӣ шуд аз паҳлавӣ,
Бад-ин сон, ки акнун ҳаме бишнавӣ.

Ба тозӣ ҳаме буд то гоҳи Наср,
Бад-он гаҳ, ки шуд[4] бар ҷаҳон шоҳ Наср.

Гаронмоя Булфазл дастури ӯ,
Ки андар сухан буд ганҷури ӯ,

Бифармуд, то порсиву[5] дарӣ
Бигуфтанду[6] кӯтоҳ шуд доварӣ.

Аз он пас чу бишнид,[7] рой омадаш,
Бар ӯ-бар хирад раҳнамой омадаш.

Ҳаме хостӣ ошкору ниҳон,
К-аз ӯ ёдгоре бувад дар ҷаҳон.

Гузорандае[8] пеш биншонданд,
Ҳама нома бар Рӯдакӣ хонданд.

Бипайваст гӯё парокандаро,
Бисуфт инчунин дурри огандаро.

1. Л – Ҳам эдун нигаҳ дошт
2. Л – моҳ
3. Л – Навишта ба ҳар донише – бар аён.
4. Л – буд
5. Л – порсиву; И – Бигуфтанд бар порсиву
6. И –Бад-ин сон
7. ИЛ – биншаст,
8. И – Гузорандаро

www.sattor.com

Бар он,[1] к-ӯ сухан донад,[2] ороиш аст,
Чу нодон[3] бувад, ҷои бахшоиш аст.

Ҳадиси пароканда бипроканад,
Чу пайваста шуд, ҷону мағз оганад.

Ҷаҳондор[4] то ҷовидон зинда бод,
Замону замин пеши ӯ банда бод.

Дил аз шоҳ Маҳмуд хуррам шудӣ,
Агар роҳи бадгавҳарон кам шудӣ.[5]

Аз андеша дилро мадор эч танг,
Ки дурӣ ту аз рӯзгори диранг.

Гаҳе дар[6] фарозӣ, гаҳе дар[7] нишеб,
Гаҳе дар нишотӣ[8] гаҳе бониҳеб.

Аз ин ду яке низ ҷовид нест,
Ба будан туро роҳи уммед нест.

ХАШМ ГИРИФТАНИ НӮШИНРАВОН БАР БУЗАРҶМЕҲР ВА БАНД ФАРМУДАНАШ

Нигаҳ кун кунун кори Бузарҷмеҳр,
Ки бар сар чӣ гуна шуд ӯро сипеҳр.

Ҳамон кас, ки бурдаш бар[9] абри баланд,
Фуруд оваридаш ба хоки нажанд.[10]

Чунон буд, ки Кисро бад-он рӯзгор
Бирафт аз Мадоин зи баҳри шикор.

1. Л–Ҳар он
2. И – ронад,
3. Л – аблаҳ
4. И – Ҷаҳонҷӯй
5. ИЛ – б. 3513 нест.
6. И – бар фарозу гаҳе бар; Л – бар
7. Л – бар
8. И – бо мадоро; Л – номдору
9. ТПЗ – Ба гетӣ- дарун то к-ат ояд ҷавоз,
Гаҳе дар нишебӣ, гаҳе бар фароз.
Чу марг ояд, он худ гаҳи рафтан аст,
Аз ӯ ҳарчӣ гӯӣ ту, ногуфтан аст.
10. Л – ба

www.sattor.com

Ҳаме тохт бар ғурму оҳу ба дашт,
Пароканда шуд ғурму ӯ монда гашт.

Ҳаме ронд бо шоҳ Бузарҷмеҳр
Зи баҳри парастиш ҳам аз баҳри меҳр.

Зи Ҳомун бари марғзоре расид,
Дарахту гиё, обу[1] ҳам соя дид.

Фуруд омад аз борагӣ шоҳ нарм,
Бад-он то биёсояд аз роҳи[2] гарм.

Надид аз парастандагон ҳеҷ кас,
Яке хубрух монд[3] бо шоҳу бас.

Бихуфт андар он соягаҳ шаҳрёр,[4]
Ниҳода сараш меҳрубон бар канор.

Ҳамеша ба бозуи донанда-бар
Яке бандбозу буди пургуҳар.

Зи бозуш бугсаст он банди сахт,
Биафтод наздики болини бахт.[5]

Фуруд омад аз абр мурғи сиёҳ,
Бипаррид то пеши болини шоҳ.

Нигаҳ карду ин бандбозу бидид,
Сари банди он гавҳарон бардарид,

Чу бидрид, гавҳар якояк бих(в)ард,
Ҳамон дурри хушшобу ёқути зард.

Бихӯрду зи болини ӯ барпарид,
Ҳамон гаҳ зи дидор шуд нопадид.

Дижам ғашт аз он кор Бузарҷмеҳр,
Фурӯ монд аз кори гардонсипеҳр.

---

1. ИЛ – диду
2. ИЛ – Бар он то кунад бар гиё чашм
3. И - буд
4. Л – Биғалтид чандон бар он марғзор.
5. И – б. 3527 нест.

www.sattor.com

Бидонист, к-омад ба тангӣ нишеб,
Ҳамон рӯзи ранҷ асту гоҳи фиреб.

Чу бедор шуд шоҳу ӯро бидид,
К-аз он сон ҳаме лаб ба дандон газид,[1]

Гумонӣ бад-он буд,[2] ки ӯро ба[3] хоб
Хуриш кард Бузарҷмеҳр аз[4] шитоб.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй саг, туро ин кӣ гуфт,
Ки полоиши табъ битвон нуҳуфт?

На ман Урмуздам в-агар Баҳманам,
Зи хок асту аз[5] боду оташ танам.

Ҷаҳондор чанде забон ранҷа кард,
Надид эч посух ба ҷуз боди сард.

Бипажмурд бар ҷой Бузарҷмеҳр
Зи шоҳу зи кирдори гардонсипеҳр,

Ки бас зуд дид он нишони нишеб,
Хирадманд хомуш бимонд аз ниҳеб.

Ҳама гирд бар гирди он марғзор
Сипаҳ буду[6] андар миён шаҳрёр.

Нишаст аз бари асп Кисро ба хашм,
Ба кас[7] то дари кох накшод чашм,

Ҳама раҳ зи доно ҳаме лаб макид,
Фуруд омад аз аспу чанде жакид.[8]

Бифармуд, то рӯи Синдон кунанд,
Ба донанда-бар кох[9] зиндон кунанд.

1. ТПЛ – Ба бозу нигаҳ карду гавҳар надид,
Яке ошноро зи лашкар надид.
2. Л – Гумоне чунон бурд, к-ӯро
3. И – Гумоне чунон бурд, к-ӯро зи
4. ИЛ – бар парвариш-бар
5. Л – в-аз
6. И-–буд,
7. Л – Зи раҳ
8. Л – закид.
9. И–хона

www.sattor.com

Бад-он кох[1] биншаст Бузарҷмеҳр,
Бидид он пурожанг чеҳри сипеҳр.[2]

Яке хеш будаш далеру ҷавон,
Парастандаи шоҳ Нӯшинравон.

Шабу рӯз бо хеш[3] дар кох буд,
Ба гуфтор бо шоҳ[4] густох буд.

Бипурсид як рӯз Бузарҷмеҳр
Зи парвардаи шоҳи хуршедчеҳр,

Ки «Ӯро парастиш ҳаме чун кунӣ,
Биёмӯз, то кӯшиш афзун кунӣ».

Парастанда гуфт: «Эй сари мӯбадон,
Чунон буд, к-имрӯз[5] Нӯшинравон

Сӯи ман ба бад рӯй з-он[6] гуна кард,
Ки гуфтам, сар омад маро[7] хобу х(в)ард.[8]

Чу аз хон бирафт, об бугсордам,
Замӣ в-остонро биёзордам.

Ҷаҳондор чун гашт бо ман[9] дурушт,
Маро[10] суст шуд обдастон ба мушт.

Бад-ӯ донишӣ гуфт: «Об ор, хез,
Чунон ҳам, ки бар даст аз[11] об рез».

Биёвард марди ҷавон оби гарм,
Ҳаме рехт бар дасту[12*13] донанда нарм.

1. И – Дар он хона
2. И – Аҷаб монд аз кори гардонсипеҳр.
3. ИЛ – шох
4. И–Парастандааш буду
5. ИЛ – дон, ки имрӯз
6. Л – аз он
7. И – ба ман
8. ТПМ – Чунон ҳам бар он сон, ки расми ман аст,
Фурӯ кардамаш оби равшан ба даст.
9. И – Ҷақонҷӯй бо ман чунон шуд
10. И – Куҷо
11. И – дасти шоҳ
12. ИЛ – дасти
13. М – дасти

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт, к-«Ин бор бар даст шӯй,
Ту бо оби ҷӯ ҳеҷ тундӣ маҷӯй.

Чу лабро биёрояд аз бӯи х(в)аш,
Ту аз рехтан обдастон макаш».

Парастандаро дил пурандеша гашт
Бад-он, то дигарбора[1] бинҳод ташт.

Ба гуфтори доно фурӯ рехт об,
На нарму на аз рехтан пуршитоб.

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй физоянда[2] меҳр,
Кӣ гуфт ин туро?» Гуфт:[3] «Бузарҷмеҳр.

Маро андар ин дониш ӯ дод роҳ,
Ки бинад ҳаме ин ҷаҳондор шоҳ».[4]

Бад-ӯ гуфт: «Рав пеши доно, бигӯй,
Бад-он номвар ҷоҳу он обрӯй,

Чу барҷастӣ аз бартарӣ камтарӣ
Ба бадгавҳару носазо доварӣ».

Парастанда бишниду омад давон,
Бари хок шуд тунд хаста равон.[5]

Зи шоҳ он чи бишнид, бо вай бигуфт,
Чунин ёфт з-ӯ посух андар нуҳуфт,

Ки ҷои[6] ман аз ҷои[7] шоҳи ҷаҳон
Фаровон беҳ аст ошкору ниҳон.

Парастанда баргашту посух бибурд,
Фаровон абар ҳоли ӯ баршумурд.

1. Л–бор
2. Л – гироянда
3. И – ҷуз ки
4. И – Парастанда гуфт: «Эй гаронмоя шоҳ,
Маро сӯи ин дониш ӯ дод роҳ».
5. Л – танг баста миён.
6. ИЛ – ҳоли
7. ИЛ – холи

www.sattor.com

Зи посух фаровон барошуфт шоҳ,
Варо банд фармуд торик чоҳ.

Дигарбора пурсид аз он пешкор,
Ки «Чун ронад он камхирад[1] рӯзгор?»

Фиристода омад пур аз об чеҳр,
Бигуфт он[2] суханҳо ба Бузарҷмеҳр.

Чунин дод посух бад-он некхоҳ,
Ки «Рӯзи ман осонтар аз рӯзи шоҳ».

Фиристода баргашту омад чу бод,
Ҳама посухаш кард бар шоҳ ёд.

Зи посух барошуфту шуд чун паланг,
Зи[3] оҳан танӯре бифармуд танг.

Зи пайкону аз мех гирд- андараш,
Ҳам аз банди оҳан нуҳуфта сараш.

Набуд рӯзаш орому шаб ҷои[4] хоб,
Танаш пур зи сахтиву дил[5] пуршитоб.

Чаҳорум чунин[6] гуфт бо пешкор,
Ки пайғом бугзору посух биёр.

Бигӯяш, ки[7] «Чун бинӣ акнун танат,
Ҳам аз мех бар тан-т пероҳанат?»[8]

Парастанда омад, бидод он паём,
Ки бишнид аз он меҳтари хешком.[9]

Чунин дод посух ба марди ҷавон,
Ки «Рӯзам беҳ аз рӯзи Нӯшинравон».[10]

1. И – бехирад
2. И – ин
3. И – Аз
4. И – Набудаш ба рӯзу шаб орому
5. Л – сахтӣ, дилаш; И –дил бо
6. И – Дигарбора шаҳ
7. И – Бад-ӯ гуфт:
8. Л – б. 3577 нест.
9. И – шоҳи ҷӯяндаком.
10. И – Нӯширвон.

www.sattor.com

Чу баргашту посух биёвард мард,
Зи гуфтор[1] шуд шоҳро рӯй зард.

Аз айвон яке ростгӯе гузид,[2]
Ки гуфтори доно бидонад шунид.

Яке бо фиристода шамшерзан,
Ки дажхим буд андар он анҷуман,

Ки «Рав, бадтани бахтбадро бигӯй,
Ки гар посухатро бувад рангу бӯй,

В-агар нест дажхим бо теғи тез,
Намояд туро гардиши растахез,[3]

Ки гуфтӣ, ки зиндон беҳ аз тахти шоҳ,
Ҳамин меху ин банду торик чоҳ».[4]

Фиристода омад бари ӯ давон,
Бигуфташ суханҳои Нӯшинравон.[5]

Бад-он покдил гуфт Бузарҷмеҳр,
Ки «Нанмуд ҳаргиз ба мо бахт чеҳр.

На ин пой дорад ба гардиш, на он,
Сар ояд, ҳама неку бад, бегумон.

Чи бо ганҷу тахту чи бо ранҷи сахт,
Бубандем ҳар гуна ноком рахт.[6]

Зи сахтӣ гузар кардан осон бувад,
Дили тоҷдорон ҳаросон бувад».

Ҳирадманду дажхим бозомаданд,
Бари шоҳи гарданфароз омаданд.

---

1. И – пайғом
2. И – ростгӯ баргузид.
3. И – Кунад марди ҷангӣ туро рез-рез.
4. Л –Ҳам аз мех(у) сандуқу хам банду чоҳ; И–Ҳамон меху сандуқу ҳам банду чоҳ.
5. ИЛ –б. 3586 нест.
6. И – Чу з-он хокдон баст хоҳем рахт,
Чи тоҷу чи тахту чи зиндони сахт.

www.sattor.com

Шунида бигуфтанд бо шаҳрёр,
Битарсид шоҳ аз бади рӯзгор.

Ба айвон бурданд аз он[1] тангҷой
Ба дастурии покдил[2] раҳнамой.[3]

Бар ин низ бугзашт чандин[4] сипеҳр,
Пурожанг шуд рӯи Бузарҷмеҳр.

Дилаш тангтар шуд ва[5] борик шуд,
Ду чашмаш зи андеша торик шуд.

Чу бо ранҷ ганҷаш[6] баробар набуд,
Бифарсуд аз он дарду аз[7] ғам бисуд.[8]

ФИРИСТОДАНИ ҚАЙСАР ДУРҶИ САРБАСТА ВА РАҲОӢ ЁФТАНИ БУЗАРҶМЕҲР ВА ГУФТАНИ РОЗИ ОН

Чунон буд, ки Қайсар бад-он чанд гоҳ
Расуле[9] фиристод наздики шоҳ

Або ҳадяву номаву бо нисор
Яке дурҷу қуфле бад-ӯ устувор,

Ки «Эй шоҳи кундоварону радон,
Фаровон туро покдил мӯбадон,

Бад-ин дурҷу ин қуфл нобурда даст,
Нуҳуфта бигӯед, чизе ки ҳаст.

Фиристем бож, ар бигӯед рост,
Ҷуз аз бож чизе, ки оини мост.

---

1. И – Бифармуд Кисро, к-аз он
2. И – Ба айвон барандаш або
3. И – Пас аз б. 3593 ин б. омада:
   Фиристод хилъат, аз ӯ узр хост,
   Писандид он хуб гуфтору рост.
4. ИЛ – чанде
5. Л – гашту
6. Л – ганҷ ранҷаш
7. Л – ранҷ в-аз.
8. И –б. 3596 нест.
9. И – Паёме

www.sattor.com

Гар эдун, ки з-ин дониши ногузир
Бимонад дили мӯбади тезвир,

Набояд, ки хоҳад зи мо бож шоҳ,[1]
Наронад бад-ин подшоҳӣ сипоҳ».[2]

Бад-ин гуна омад зи Қайсар паём,
Ту посух гузор, он чи ояд-т[3] ком.

Фиристодаро гуфт шоҳи ҷаҳон,
Ки «Ин ҳам набошад зи Яздон ниҳон.

Ман аз фарри ӯ ин[4] ба ҷой оварам,
Ҳама[5] марди покизарой оварам.[6]

Ту як ҳафта эдар ба мо шод бош,
Ба ромиш дилорою озод бош».

Аз он пас бад-он достон хира монд,
Бузургону фарзонагонро бихонд.

Нигаҳ кард ҳар як зи ҳар борае,
Ки созад мар он бандро чорае.

Бар он дурҷу қуфли чунон бе[7] калид,
Нигаҳ кард ҳар мӯбаду[8] бингарид.

Зи дониш саросар ба як сӯ шуданд,
Ба нодонии хеш хасту шуданд.

Чу гаштанд аз он анҷуман нотавон,
Ғамӣ шуд дили шоҳ Нӯшинравон.[9]

Ҳаме гуфт, к-«Ин рози гардонсипеҳр
Биёбад ба андеша Бузарҷмеҳр».

1. Л – божу сов,
2. Л – шитоб.
3. Л – бояд-т
4. Л –фарру оин
5. Л –Ҳамон
6. И – б. 3606 нест.
7. И – куфле на пайдо
8. И – мӯбаде
9. И – Нӯширвон.

www.sattor.com

Шаҳаншоҳ чун дид аз андеша ранҷ,
Бифармуд, то ҷомадасте зи ганҷ

Биёвард ганҷуру аспе гузин,
Нишасти шаҳаншоҳ карданд зин.

Ба наздики доно фиристоду гуфт,
Ки «Ранҷе, ки дидӣ, бибояд нуҳуфт.

Чунин ронд бар сар сипеҳри баланд,
Ки омад зи мо бар ту чанде газанд.

Забони ту мағзи маро кард тез,
Ҳаме бо тани хеш кардӣ ситез.

Яке кор пеш омадам ногузир,
К-аз он хаста гардад[1] дили марди пир.

Яке дурҷи заррин сараш баста хушк,
Ниҳода бар ӯ қуфлу мӯҳре зи мушк.

Фиристод Қайсар бари мо зи Рум
Яке мӯбаде номбардори бум.

Фиристода гӯяд, ки солор гуфт,
Ки ин роз пайдо кунед аз нуҳуфт,

Ки ин дурҷро чист андар миён,
Бигӯянд фарзонагону[2] каён.

Ба дил гуфтам, ин рози пӯшидачеҳр
Набинад, магар ҷони Бузарҷмеҳр».

Чу бишнид Бузарҷмеҳр ин сухан,
Дилаш нав шуд аз[3] ранҷу дарди[4] куҳан.

Зи зиндон[5] биёмад, сару тан бишуст,
Ба пеши ҷаҳондор омад нахуст.

1. И – оҷиз омад
2. И – фарзонагони
3. Л – Дижам шуд аз он
4. И – Бад-ӯ тоза шуд дарду ранҷи
5. И – Аз айвон

www.sattor.com

Ҳаме буд тарсон зи озори шоҳ,
Ҷаҳондор пурхашму ӯ бегуноҳ.

Шаби тираву рӯз бедор буд,
Бар он сон, ки пайғоми[1] солор буд.[2]

Чу хуршед[3] рахшанда шуд бар сипеҳр,
Ба ахтар нигаҳ кард Бузарҷмеҳр.

Ба оби хирад чашми дилро бишуст,
Зи донандагон устуворӣ биҷуст.

Бад-ӯ гуфт: «Бозори ман хира гашт,
Чу чашмам дар ин ранҷҳо[4] тира гашт.

Нигаҳ кун, ки то кист, к-ояд ба роҳ,
Бигӯю матарс эчу номаш бихоҳ».

Ба роҳ омад аз хона Бузарҷмеҳр,
Ҳаме рафт пӯён зане хубчеҳр.

Хирадманди бино ба доно бигуфт
Сухан, ҳарчи бар чашми ӯ шуд нуҳуфт.

Чунин гуфт пурсандаро роҳҷӯй,
Ки «Бипжӯҳ, то дорад ин моҳ шӯй».

Зани покдоман ба пурсанда гуфт,
Ки «Шӯй асту ҳам кӯдак андар нуҳуфт».

Чу бишнид донанда гуфтори зан,
Биҷунбид бар ҷармаи гомзан.[5]

Ҳамон гаҳ зане дигар омад падид,
Бипурсид, чун тарҷумонаш бидид,

Ки «Эй зан, туро баччаву шӯй ҳаст,
В-агар яктану[6] бод дорӣ ба даст?»

1. И – фармони
2. ТПЗИЛ– Чу хуршед бинмуд тоҷ аз фароз,
Бипӯшид рӯи шаби дербоз.
3. И – Фурӯзанда
4. И – Ки аз ранҷҳо чашми ман
5. И –б. 3636, 3637 нест.
6. ИЛ – яктанӣ,

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт: «Шӯй аст, агар бачча нест,
Чу посух шунидӣ, бари ман маист».

Ҳамон гаҳ се дигар зан омад ба роҳ,
Биёмад бари ӯ ҳаме некхоҳ,[1]

Ки «Эй хубрух, кист ҳамсози ту
Бад-ин, к-аш хиромидану нози ту?»

Бад-ӯ гуфт:[2] «Ҳаргиз набудаст шӯй,
Нахоҳам, ки бинад маро шӯй рӯй».

Чу бишнид Бузарҷмеҳр ин сухун,
Нигар, то чи андеша афканд бун.

Биёмад дижамрӯй тозон ба роҳ,
Чу бурданд ҷӯяндаро назди шоҳ.

Бифармуд, то рафт наздики тахт,
Дили шоҳ Кисро ғамӣ гашт сахт,

Ки донандаро чашм бино[3] надид,
Ҳаме[4] боди сард аз ҷигар баркашид.

Ҳаме кард пӯзиш бар он кор шоҳ,
К-аз ӯ дошт озор бар бегуноҳ.

Пас аз Руму Қайсар забон баркушод,
Ҳаме кард аз он дурҷу он қуфл ёд.

Ба шоҳи ҷаҳон гуфт Бузарҷмеҳр,
Ки «Тобон бадӣ, то битобад[5] сипеҳр.

Яке анҷуман бояд аз бихрадон
Фиристодаи Қайсару[6] мӯбадон,

Ниҳода ҳамон дурҷ дар пеши шоҳ,
Чи пеши бузургони ҷӯяндароҳ.

1. Л – Биёмад бари ӯ ҳамон некхоҳ; И – Ба наздики ӯ шуд ҳамон некхоҳ.
2. ИЛ – маро гуфт;
3. И – равшан
4. И – Басе
5. И – бувӣ, то бигардад
6. Л – фиристодаву чизу И – Фиристодаи Рум бо

www.sattor.com

Ба нерӯи Яздон, ки андеша дод,
Равони маро ростӣ пеша дод,

Бигӯям ба дурҷ- андарун, ҳар чӣ ҳаст,
Насозам бар он дурҷу он қуфл[1] даст.

3655 Агар чашм шуд тира, дил равшан аст,
Равонро зи дониш ҳамон ҷавшан аст».

Зи гуфтори ӯ шод шуд шаҳрёр,
Дилаш тоза шуд чун гул андар баҳор,

Зи андеша шуд шоҳро пушт рост,
Фиристодаву дурҷро[2] пеш хост.

Ҳама мӯбадону радонро бихонд,
Басе донишӣ пеши доно нишонд.

Аз он пас фиристодаро хонд шоҳ,
Ки пайғом бугзору посух бихоҳ.

3660 Чу бишнид румӣ, забон баркушод,
Суханҳои Қайсар ҳама кард[3] ёд,[4]

Ки кори[5] ҷаҳондори пирӯзҷанг,
Хирад ёбаду донишу ному нанг.

Туро фарру бурзи ҷаҳондор ҳаст,
Бузургиву доноиву зӯри даст.

Ҳамон пурхирад мӯбади роҳҷӯй,
Гаве пурманиш, к-ӯ бувад шоҳҷӯй,

Ҳама пок бар боргоҳи туанд,
В-агар дар ҷаҳон некхоҳи туанд.

3665 Гар ин дурҷу ин қуфлу мӯҳру нишон
Бубинанд бедордил саркашон,[6]

1. И – Насоям бар он қуфлу занҷир
2. И – қуфлро
3. Л – ҳаме кард
4. И – Паёми шаҳи Рум аксар бидод.
5. Л – Бигуфт аз
6. Л – бихрадон,

www.sattor.com

Бигӯянд равшан, ки зери[1] нуҳуфт,
Чӣ чиз аст,[2] к-он бо хирад ҳаст ҷуфт?

Фиристем ҳам з-ин нишон божу сов,
Ки ин марз доранд бо бож тов.

В-агар бозмонанд аз ин моя чиз,
Махоҳед аз ин марзи[3] мо бож низ.

Чу доно зи гӯянда з-он сон шунид,
Забон баркушод, офарин густарид,

Ки ҳамвора шоҳи ҷаҳон шоҳ[4] бод,
Сухандону бо бахт ҳамроҳ[5] бод!

Сипос аз Худованди хуршеду моҳ,
Равонро ба дониш намояндароҳ.

Бидонад ҳама ошкорову роз,
Ба дониш маро озу ӯ бениёз.

Се дурр аст рахшон ба дурҷ-андарун,
Ғилофаш бувад з-он ки гуфтам, фузун.

Яке суфтаву дигаре нимсуфт,
Яке[6] он ки оҳан надидаст ҷуфт.

Чу бишнид донои румӣ, калид
Биёварду Нӯшинравон бингарид.

Нуҳуфта яке ҳуққа буд дар миён,
Ба ҳуққа- дарун пардаи парниён.

Се гавҳар бад-он парда[7] андар нуҳуфт,
Чунон ҳам,[8] ки донои Эрон бигуфт.

1. И – Ба дониш бигӯянд, к-андар
2. И –чизест,
3. И – пас зи
4. И – шод
5. И – Сухангӯй бо бахт ҳамзод
6. И – Сеюм
7. И –ҳуққа
8. И – Бар он сон

www.sattor.com

Нахустин зи гавҳар яке суфта буд,
Яке нимсуфта, дигар[1] нобисуд.

Ҳама мӯбадон офарин хонданд,
Бар он донишӣ гавҳар афшонданд.

Шаҳаншоҳ рухсора пуртоб кард,
Даҳонаш пур аз дурри хушшоб кард.

Зи кори гузашта дилаш танг шуд,
Бупечиду рӯяш пурожанг шуд,

Ки бо ӯ чаро кард чандон ҷафо,
Аз он пас, к-аз ӯ дид меҳру вафо.

Чу доно рухи шоҳ пажмурда дид,
Равонаш ба дард- андар озурда дид,

Баровард гӯянда роз аз нуҳуфт,
Гузашта сухан пеши Кисро бигуфт.

Аз он банда бозуву мурғи сиёҳ
В-аз андешаи кеҳтару хоби шоҳ,[2]

Бад-ӯ гуфт, к-«Ин буданӣ кор буд,
Надорад пушаймониву дард суд.

Чу ояд баду нек ройи сипеҳр,
Чи шоҳу чи мӯбад, ва[3] Бузарҷмеҳр.

Зи тухме, ки Яздон бар ахтар бикишт,
Бибояд-ш бар тораки мо навишт.

Дили шоҳ Нӯшинравон шод бод,
Ҳамеша зи дарду ғам озод бод![4]

Агарчанд бошад сарафроз шоҳ,
Ба дастур гардад дилорой гоҳ.

1. Л – Дигар нимсуфта, сеюм
2. И –б. 3684, 3685 нест.
3. ИЛ – чи
4. И – б. 3689 нест.

www.sattor.com

Шикор аст кори шаҳаншоҳу разм,
Дигар шодиву бахшишу доду базм.

Бидонад, ки шоҳон чӣ карданд пеш,
Биварзад бад-он ҳамнишон ройи хеш,

Аз огандани ганҷу ранҷи сипоҳ,
Зи озору гуфтору аз додхоҳ,

Аз андешаи кадхудоиву ганҷ,
Дилу ҷони дастур бошад ба ранҷ.

ГУФТОР АНДАР ТАВҚЕИ НӮШИНРАВОН

Чунин буд то гоҳи Нӯшинравон,
Ҳам ӯ буд шоҳу ҳам ӯ паҳлавон.

Ҳам ӯ буд ҷангиву мӯбад ҳам ӯ,[1]
Ҳам ӯ ҳирбад буд, сипаҳбад ҳам ӯ[2].

Ба ҳар ҷой корогаҳон доштӣ,
Ҷаҳонро ба дастур нагзоштӣ.

Зи бисёру андак зи кори ҷаҳон,
Баду нек аз ӯ кас накардӣ ниҳон.

Зи корогаҳон мӯбаде[3] некхоҳ
Чунон буд, ки бардошт рӯзе ба шоҳ,

Ки гоҳе гунаҳ бугзаронӣ ҳаме,
Ба бад номи он кас нахонӣ[4] ҳаме.

Ҳам онро дигарбора овезиш аст,
Гунаҳгор агарчанд бопӯзиш аст,

Ба посух чунин буд тавқеи шоҳ,
Ки он кас, ки хасту бувад бар гуноҳ,

Чу бемор зор асту мо чун пизишк,
Зи дору гурезону резон сиришк.

---

1. Л – ӯй,
2. Л – ӯй.
3. Л–мӯбади
4. И – ӯро надонӣ

www.sattor.com

Ба як довари̅ ӯ нагардад дуруст,
Равон аз бузурги̅ бихоҳем шуст.

Дигар мӯбаде гуфт: «Анӯша бади̅,
Зи ҳар бад ба ҳар сӯ ба гӯша бади̅!»

Сипаҳбад зи Гургон бирафт аз нуҳуфт,
Ба беша даромад, замоне бихуфт.

Буна бар дигар килу ӯ барҳана,
Ҳаме бозгардад зи баҳри буна.

Ба тавқеъ посух чунин дод боз,
Ки «Ҳастем аз лашкари̅ бениёз,

Куҷо посбони̅ кунад бар сипоҳ,
Зи бад хештанро надорад нигоҳ».

Дигар гуфт: «Анӯша бади̅ ҷовидон
Нишасту хӯру хоб бо мӯбадон.

Яке моявар молдор[1] эдар аст,
Ки ганҷаш зи ганҷи[2] ту афзунтар аст».

Чунин посух овард, к-«Оре, равост,
Ки ин афсари подшоҳи̅ мarост.

Нигаҳбони ганҷу равонаш манам,
Бикӯшам, ки онро ба афзун кунам».[3]

Дигар гуфт, к-«Эй шаҳрёри баланд,
Анӯша бади̅, в-аз бади̅ бегазанд.

Асирони руми̅, ки овардаанд,
Басе ширхор андарун бурдаанд».

Ба тавқеъ гуфт: «Он чи ҳастанд хурд,
Зи дасти асирон набояд шумурд.

1. Л – номдор
2. И– аз они.
3. Л – б. 3713 нест.

www.sattor.com

Сӯи модароншон фиристем[1] боз,
Ба дил шоду аз хоста бениёз».

Навиштанд, к-аз Рум сад моявар
Ҳаме бозхарранд хешон ба зар.

«Агар бозхарранд,– гуфт аз ҳарос,
Ба ҳар номдоре яке бода кос

Фурӯшеду афзун маҷӯед низ,
Ки мо бениёзем аз эшон ба чиз.

Ба шамшер хоҳем аз эшон гуҳар,
Ҳамон бардаву бадраи симу зарр».

Бигуфтанд, к-«Аз моядорони шаҳр
Ду бозоргонанд, к-аз шаб ду баҳр

Якеро сар андар наёяд ба хоб,
Аз овози мастону[2] чангу рубоб»

Чунин дод посух, к-«Аз ин нест ранҷ,
Ҷуз эшон ҳар он кас, ки доранд ганҷ.

Ҳама ҳамчунон шоду хуррам зиед,
Беозор бошеду беғам зиед».

Набиштанд рӯзе, к-«Анӯша бадӣ,
Ҳамеша зи ту дур дасти бадӣ!»

Ба айвон чунин гуфт шоҳи Яман,
Ки «Нӯшинравон[3] чун кушояд даҳан,[4]

Ҳама мурдагонро кунад беш ёд,
Пур аз ғам шавад, зиндаро ҷони шод».

Чунин дод посух, ки «Аз мурда ёд
Кунад, ҳар кӣ дорад хирад бо нажод.

1. И – Фиристанд яксар ба модар-ш
2. И – Зи овози ною зи
3. И – Нӯширвон
4. И – сухан,

www.sattor.com

Ҳар он кас, ки аз мурдагон дил бишуст,
Набошад ҳамон дӯстӣ з-он дуруст».

Яке гуфт, к-«Эй шоҳ, кеҳтар писар
Нагардад ҳаме гирди доди падар.

Бирезад ҳаме бар замине дирам,
Ки бошад фурӯшандаи ӯ дижам».

Чунин дод посух, ки «Ин норавост,
Баҳо дар[1] замин ҳам фурӯшандарост».

Дигар гуфт, к-«Эй шоҳи бартарманиш,
Ки дурӣ зи пайғораву сарзаниш,

Диле доштӣ пештар пур зи шарм,
Чаро шуд бад-ин сон беозарму гарм?»

Чунин дод посух, ки «Дандон набуд,
Макидан ҷуз аз шир дармон набуд,

Чу дандон баромад, биболид пушт,
Ҳаме гӯшт ҷӯям, чу гаштам дурушт».

Яке гуфт: «Гирам, ки ту меҳтарӣ,
Ба рою ба дониш зи мо беҳтарӣ.

Чаро баргузаштӣ зи шоҳаншаҳон,
Ду дида барои ту дорад ҷаҳон?»

Чунин дод посух, ки «Моро хирад
Зи дидори эшон ҳаме бугзарад.

Ҳушу донишу рой дастури мост,
Замин ганҷу андеша ганҷури мост».

Дигар гуфт: «Бози ту, эй шаҳрёр,
Уқобе гирифтаст рӯзи шикор».

Чунин гуфт, к-«Ӯро бикӯбед пушт,
Ки бо меҳтари худ чаро шуд дурушт?!

1. Л – Баҳову

www.sattor.com

Биёвез ӯро зи дори баланд,
Бад-он, то бад-ӯ бозгардад газанд!

Кас аз кеҳтарон низ дар корзор
Фузунӣ наҷӯяд бари шаҳрёр».

Дигар номдоре зи корогаҳон
Чунин гуфт бо[1] шаҳрёри ҷаҳон,

Ки[2] «Шабгир Барзин бишуд бо сипоҳ,
Ситорашиносе баромад зи роҳ».

Чунин гуфт, к-«Эй марди гарданфароз,
Чунин лашкаре гашну ин гуна[3] соз.

Чу баргошт рӯй аз дари[4] шаҳрёр,
Набинад кас ӯро бад-ин рӯзгор.

Ба тавқеъ гуфто, ки гардонсипеҳр
Кушодаст бо ройи ӯ чеҳру[5] меҳр.

Ба Барзини солору ганҷу сипоҳ
Нагардад табоҳ ахтари ҳуру моҳ».

Дигар мӯбаде гуфт, к-«Эй шаҳрёр,
Чунин буд[6] фармон ба як[7] рӯзгор,

Ки марде гузинад зи[8] фаррух нажод,
Ки бар[9] подшоҳӣ бигардад[10] ба дод.

Расонад бад-ин боргоҳ огаҳӣ,
Зи бисёру андак бадӣ, гар беҳӣ.

Гушасп он сарафроз марди дабир[11]
Сазад, гар бувад додро дастгир».

1. ИЛ – к-эй
2. Л – Ба
3. ИЛ – з-ин гуна
4. Л – ӯ пушт бар
5. И – мо ройи
6. И – дод
7. И–дар ин
8. Л – ки бинанд; И –ки бинед
9. ИЛ–дар
10. И – нагардад
11. ИЛ –Гушаспи сарафроз мардест пир.

www.sattor.com

Чунин дод посух, ки «Ӯро[1] зи оз
Камар бар миён аст дур аз ниёз.

Касеро гузинед, к-аз ранҷи хеш
Напарҳезаду бошадаш ганҷи хеш.

Ҷаҳондида марде дурушту дуруст,
Ки ӯ ройи дарвеш созад нахуст».[2]

Яке гуфт: «Солори холигарон,
Ҳаме нолад аз шоҳу аз меҳтарон,

Ки чандон ки ӯ худ кунад орзу,
Бисозам, ниҳам коса бар чор сӯ.

Набӯяд, наёзад бад-ӯ низ даст,
Биларзад бад-ӯ марди хусравпараст».

Чунин дод посух, ки «Аз беш х(в)ард
Магар орзу бозгардад ба дард».

Дигар гуфт: «Ҳар кас накӯҳиш кунад,
Шаҳаншоҳро чун пажӯҳиш кунад,

Ки бе лашкари гашн берун шавад,
Дили[3] дӯсти доно пур аз хун шавад.

Магар душмане бад сиголад бад-ӯй,
Ба чора бисозад,[4] биёяд бад-ӯй».

Чунин дод посух, ки «Доду хирад
Тани подшоро ҳаме парварад.

Агар додгар чанд бекас бувад,
Варо ростӣ посбон бас бувад».

Дигар гуфт, к- «Эй бо хирад гашта ҷуфт,
Ба майдон хуросонсолор гуфт,

1. И – гуфтӣ
2. И – б. 3758 нест.
3. Л – Дилу
4. Л – бинолад

www.sattor.com

Ки гар боз кард ӯ Зараспи савор,
Надонам чи дид андар он шаҳрёр».

Чунин дод посух, ки «Фармони мо
Наварзиду бинҳуфт паймони мо.

Бифармудамаш, то ба арзониён
Кушояд дари ганҷи суду зиён.[1]

Касе, к-аз диҳиш кост бошад ба кор,
Бипӯшад ҳаме фарраи шаҳрёр».

Дигар гуфт: «Бо ҳар касе подшо
Бузург аст бахшандаву порсо.[2]

Парастори дерина Меҳрак чӣ кард,
Ки рӯзиш андак шуду рӯй зард?»

Чунин дод, посух ки «Ӯ шуд дурушт,
Бар он[3] кардаи хеш бинҳод[4] пушт».

Биёмад ба даргоҳ, биншаст маст,
Ҳамеша ҷуз аз май надорад ба даст».[5]

Зи корогаҳон мӯбаде гуфт: «Шоҳ
Чу ронад сӯи ҷанги Қайсар сипоҳ,

Нахоҳад ҷуз эрониёнро ба ҷанг,
Ҷаҳон шуд ба Эрон-бар аз Рум танг?»

Чунин дод посух, ки «Он душманӣ
Табиисту пархоши оҳарманӣ».

Дигарбора бардошт «Марде, ки шоҳ
Зи шоҳон дигаргуна хоҳад сипоҳ,

Кадом аст, чун боядат марди ҷанг,
Зи шерони аспафкану тезчанг?»

1. И – б. 3771 нест.
2. И – б. 3773 нест.
3. И –Ки бар
4. И –бинмуд
5. И –б. 3776 нест.

www.sattor.com

Чунин дод посух, ки «Ҷангисавор
Набояд, ки сер ояд аз корзор.

Ҳамон базмаш ояд, ҳамон размгоҳ
Ба рахшанда рӯзу шабони сиёҳ.

Нагардад ба ҳангом нерӯш кам,
Зи бисёру андак набошад дижам».

Дигар гуфт, к- «Эй шоҳ, Нӯшинравон,
Ҳамеша бадӣ шоду бахтат ҷавон!

Ба дар-бар яке мард буд аз Нисо,
Парастандаву кордори басо.

Дирам монд бар вай чу сесад ҳазор,
Ба девон чу карданд бо ӯ шумор.

Набояд ҳаме, к-ин дирам хӯрда шуд,
Раду мӯбаду кӯҳбад озурда шуд.

Чу огоҳ шуд з-он сухан шаҳрёр,
Ки мӯбад дирам хост аз кордор,

Бифармуд, к-аз хӯрда манмой ранҷ,
Бубахшид чанде мар[1] ӯро зи ганҷ.

Дигар гуфт: «Ҷангисаворе бихаст,
Бад-он хастагӣ дер монду бираст.

Ба пеши сафи румиён ҳамла бурд.
Бимурду аз он кӯдакон монд хурд».

Бифармуд, к-«Он кӯдаконро чаҳор
Зи ганҷе[2] дирам дод бояд ҳазор».

Ҳар он кас, ки шуд кушта дар корзор,
В-аз ӯ хурдкӯдак бувад ёдгор,

Чу номаш ба[3] дафтар бихонад дабир,
Дирам пеши кӯдак бувад ногузир.

1. ИЛ – ҳам
2. Л – ганчи.
3. ИЛ – зи

www.sattor.com

Чунин ҳам ба сол- андарун чор бор
Зи ганҷаш дирам дод бояд ҳазор».

Дигар гуфт: «Анӯша бадӣ солу моҳ
Ба Марв-[1] андарун паҳлавони сипоҳ,

Фаровон дирам гирд карду нах(в)ард,
Пароканда гаштанд аз он марз мард».

Чунин дод посух, ки «Он хоста,
Ки аз шаҳр мардум кунад коста,

Аз он кас, ки бистад, бад-ӯ боздеҳ,
В-аз он пас ба Марв- андар овоз деҳ.

Бифармой доре задан бар дараш
Ба биноии лашкару кишвараш.

Ситамгораро зинда бар дор кун,
Ду пояш забар, сар нагунсор кун.

Бад-он то кас аз паҳлавонони мо
Напечад дилу ҷон зи паймони мо.

Чаро бояд аз хуни дарвеш ганҷ,
Ки ӯ шод бошад тану ҷон ба ранҷ».

Дигар гуфт, к- «Эй шоҳи яздонпараст,
Ба дар-бар басе мардуми зердаст,

Ҳама доддеҳро[2] ситоиш кунанд,
Ҷаҳонофаринро ниёиш кунанд».

Чунин дод посух, ки «Яздон сипос,
Ки аз мо яке нест андар ҳарос.

Фузун кард бояд бад-эшон нигоҳ,
Агар бегуноҳанд, агар богуноҳ».

1. И –Балх
2. И – Ҳаме доди шаҳро; Л–Ҳаме доди ӯро

www.sattor.com

Дигар гуфт, к- «Эй шоҳи бофарру ҳуш,
Ҷаҳон шуд зи шодӣ пур аз[1] ною[2] нӯш.

Тавонгар в-агар[3] мардуми зердаст,
Шаб ояд, шавад сар зи овой[4] маст».

Чунин дод посух, ки «Андар ҷаҳон,
Ба мо шод бодо, кеҳону меҳон!»

Дигар гуфт, к-«Эй шоҳи бартарманиш,
Ҳаме айбҷӯят кунад сарзаниш,

Ки чандин[5] газофа бубахшад зи ганҷ,
Зи гирд оваридан надидаст ранҷ».

Чунин дод посух, ки «Он хоста,
К-аз ӯ ганҷи мо бошад ороста,

Агар бозгирам зи арзониён,
Ҳама суд фарҷом гардад зиён».

Дигар гуфт, к- «Эй шаҳрёри баланд,
Ки ҳаргиз ба ҷонат мабодо газанд.

Ҷуҳудону тарсо туро душмананд,
Дурӯянду бо кеши Оҳармананд».

Чунин дод посух, ки «Шоҳи сутург
Абе зинҳорӣ набошад бузург».

Дирам дод Мардуй дарвешро,
Басе бурд вижа тани хешро».

Дигар гуфт, к- «Эй номвар шаҳрёр,
Зи ганҷи ту афзун зи сесад ҳазор.

Чунин гуфт, к- «Он ҳам ба дармони мост,
Ба арзониён чиз бахшӣ, сазост».[6]

1. И –аз шодиву
2. Л – аз шодиву нозу
3. И – ҳама
4. И – Шабу рӯз шоданду афтода
5. И – чанде
6. Л–равост; И – бахшӣ чизе равост.

www.sattor.com

Дигар гуфт, к- «Эй шоҳ, нодида ранҷ,
Зи бахшиш фаровон тиҳӣ монд[1] ганҷ».

Чунин дод посух, ки «Дасти фарох
Ҳаме мардро нав кунад баргу шох.

Ҷаҳондор чун гашт яздонпараст,
Бар ӯ баркушояд ҷаҳон, ҳар чӣ ҳаст.

Ҷаҳон танг дидем бар тангхӯй,
Маро озу зуфтӣ накард орзуй».

Чунин гуфт мӯбад, ки «Эй[2] шаҳрёр,
Қарохони солор сесад ҳазор

Дирам бистад аз Балхи Бомӣ ба ранҷ,
Супурду ниҳодем яксар ба ганҷ».

Чунин дод посух, ки «Моро дирам
Набояд, ки гардад касе з-ӯ дижам.

Аз он кас, ки бистад, ҳам ӯро диҳед,
Зи ганҷ он чи хоҳад, бар он сар ниҳед,

Ки дарди дили мардуми зердаст
Нахоҳад ҷаҳондори яздонпараст.

Пайи кохи ободи ӯ барканед,
Ба гил боми ӯро тавонгар кунед.

Шавад кох вайрон, варо ранҷ суд,
Бимонад пас аз ранҷ нафрину дуд.

Зи девони ман номи вай бистуред,
Ба дар-бар чу ӯро ба кас машмаред».

Дигар гуфт, к- «Эй шоҳи фаррухнажод,
Басе гирӣ аз Ҷамму Ковус ёд».

1. И – тиҳӣ монд якбора
2. И – Дигар гуфт, к-эй номвар

www.sattor.com

Чунин дод посух, ки «Оре, равост,
Ҷаҳон бар ниёкони мо-бар гувост.[1]

Бад-он гӯям ин то паси марги ман
Нагардад ниҳон афсару тарги ман».

Дигар гуфт, к- «Аз Баҳмани сарфароз,
Чаро шоҳи Эрон бипӯшид роз?»

Чунин дод посух, ки «Ӯ аз[2] хирад
Бупечад[3] ҳаме в-аз ҳаво бархӯрад».

Яке гуфт, к-«Эй шоҳи кеҳтарнавоз,
Чаро гаштӣ акнун чунин дерсоз?»

Чунин дод посух: «Або[4] бихрадон
Ҳамонему ҳам[5] низ бо[6] мӯбадон.

Чу овози Оҳарман ояд ба гӯш,
Намонад ба дил рою бо мағз ҳуш».

Бипурсид[7] мӯбад зи шоҳи замин,
Сухан ронд[8] аз подшоҳиву дин,

Ки «Бедин наҷӯяд бади подшо,
Хирадманд бошад бар ин бар гуво».[9]

Чунин дод посух, ки «Гуфтам ҳамин,[10]
Шунид аз ман ин[11] мардуми покдин.[12]

1. ИЛ – б. 3835 нест;
ТПЗИЛ – Ба посух чунин гуфт Нӯширвон,*
Ки бодо зи దониш ҳамеша** ҷавон.
* Л – Нӯширвон. ** ИЛ – ҳамеша равонаш.
2. И – ӯро
3. И – Бипӯшад
4. Л – ки бо; И – ки эй
5. Л–Ҳамону ҳамин
6. И – Ҷаҳондидаву покдил
7. И – Ҷаҳондида
8. И- Бипурсид
9. ИЛ–б. 3838 нест.
10. И –ман ин,
11. Л – Ин зи ман
12. И – Яке ҷуст нафрин, дигар офарин.

www.sattor.com

Ҷаҳондори бедин ҷаҳонро надид,
В-агар ҳар касе дини дигар гузид.

Яке бутпарасту яке покдин,
Яке гуфт: «Нафрин беҳ аз офарин».[1]

Зи гуфтор вайрон нагардад ҷаҳон,
Бигӯй, он чи роят бувад дар ниҳон.

Чу бедин бувад подшо ҳамчунин,
Наёбад ба гетӣ зи кас офарин.

Бувад дину шоҳӣ чу тан бо равон,
Бад-ин ҳар дувон пой дорад ҷаҳон».[2]

Яке гуфт, к- «Эй шоҳи хуррамниҳон,
Сухан рондӣ[3] чанд пеши меҳон.

Яке он ки гуфтӣ замона манам,
Баду неки ӯро баҳона манам.

Касе, к-ӯ кунад офарин бар ҷаҳон,
Ба мо бозгардад дурудаш[4] ниҳон».

Чунин дод посух, ки, «Оре, равост,
Ки тоҷи замона сари подшост.

Ҷаҳон чун тану шаҳрёрон саранд,
Азеро чунон бар сарон афсаранд».

Дигар гуфт, к-«Эй шоҳи кеҳтарнавоз,
Туро подшоҳиву умри дароз.

Бувад рӯз панҷ, эй чароғи равон,
Ки номат барат мӯбади мӯбадон».

Бигуфто: «Бад-ин нест озори ман,
Ки ӯ ҳаст машғул дар кори ман».

1. И –б. 3845, 3846 нест.
2. ИЛ – б. 3848, 3849 нест;
ТПЗИЛ – Ҳар он гаҳ ки шуд тахт бетоҷдор,
Хирадмандиву дин наёяд ба кор.
3. И – гуфтаӣ
4. ИЛ – зи дуда

www.sattor.com

Яке гуфт, к- «Эй шоҳи хуршедфар,
Ки чун ту замона наёрад дигар.

Яке мард бинем ҷӯяндадод,
Ки ояд ба даргоҳ ҳар бомдод.

Ба як раҳ намегардад аз кори ӯй,
Надонам, ки аз чист озори ӯй.[1]

Чунин дод посух, ки «Андар Ҳиҷоз
Варо дузд бурдаст бемар ҷиҳоз.

Бад-ӯ додаам ҳамчунон ман зи ганҷ,
Бад-он то равонаш набошад ба ранҷ.

Ман аз баҳри ин дорам ӯро бадар,
Ки дузде биёяд, шиносад магар».

Дигар гуфт, к-«Эй шоҳи фаррухнажод,
Худованди бахшиш, Худованди дод.

Зн гоҳи Каюмарс то ин замон
Чу ту шоҳ наспард гоҳи каён».

Бигуфто: «Сипосам бад-ин аз Худой,
Ки чунон бувад чиз, к-ӯрост рой.

Гузаштам зи тавқеи Нӯшинравон,
Ҷаҳон пиру андешаи мо ҷавон.

Маро табъ нашкуфт, агар тез гашт,
Ба пирӣ чунин оташомез гашт.

Ҳаме гуфтам ин номаро чанд гоҳ,
Ниҳон буд зи кайвону хуршеду моҳ.[2]

Чу тоҷи сухан номи Маҳмуд гашт,
Ситоиш ба офоқ мавҷуд гашт.

Замона ба номи вай обод бод,
Сипеҳр аз сари тоҷи вай шод бод!

---

1. ИЛ –б. 3859–3860 нест.
2. ТПМ – Накардӣ касе ёди ӯ дар ҷаҳон
На дар ошкору на андар ниҳон.

www.sattor.com

Зи минбар чу Маҳмуд гӯяд хатиб,
Ба дини Муҳаммад гарояд салиб.

Ҷаҳон[1] бистад аз бутпарастони Ҳинд,
Ба[2] теғе, ки дорад чу вашйи[3] паринд.

Кунун номаи шоҳ Нӯшинравон,[4]
Бихону нигаҳ кун ба равшан равон.

ПАНД ДОДАНИ НӮШИНРАВОН ПИСАРИ ХУД ҲУРМУЗДРО

3875 Бифармуд Кисро, ки ояд дабир,
Нависад яке номаи дилпазир.[5]

Зи шоҳи сарафрозу хуршедчеҳр
Маҳ асту ба комаш гироён сипеҳр.

Ҷаҳондори бододи некӯкуниш,
Фишонандаи ганҷ бе сарзаниш.

Физояндаи ному тахти Қубод,
Гироянадаи тоҷу шамшери[6] дод,

Ки бо фарру бурз асту фарҳангу ном,
Зи тоҷи бузургӣ расида ба ком.

3880 Сӯи пок Ҳурмузд фарзанди[7] мо
Пазируфта аз дил ҳама панди мо.[8]

Зи Яздон бадӣ шоду пирӯзбахт,
Ҳамеша ҷаҳондори ботоҷу тахт.

---

1. И – Замин
2. Л – Зи
3. И – равшан
4. И – Нӯширвон
5. Л –б. 3864, 3875 нест;
   ТПЗИ – Чунин гуфт, к-ин номаи дилписанд
   Ҳама ҳикмату донишу рамзу панд.
6. И – авранди
7. ИЛ – Ҳурмуз он покфарзанди
8. ТПМ – Сазо дидам ин номаи б-офарин
   Ба фарзанди пурдониши покдин.

www.sattor.com

Ба моҳи хуҷаста, ба хурдодрӯз,
Ба некахтару фоли гетифурӯз,

Ниҳодем бар сар туро тоҷи зар,
Чунон ҳам, ки мо ёфтем аз падар.

Ҳамон офарин низ кардем ёд,
Ки бар тоҷи мо кард фаррух Қубод.

Ту бедор бошу ҷаҳондор бош,
Хирадманду роду беозор бош.

Ба дониш физою ба Яздон гарой,
Ки ӯ бод[1] ҷони туро раҳнамой.

Бипурсидам аз марди некӯсухан,
Касе, к-ӯ ба солу хирад буд куҳан,

Ки «Аз мо ба Яздон кӣ station наздиктар,
Киро назди ӯ роҳ бориктар?»

Чунин дод посух, ки «Дониш гузин,
Чу хоҳӣ зи Парвардгор[2] офарин,

Ки нодон фузунӣ надорад зи хок,
Ба дониш писандида кун ҷони пок.

Ба дониш бувад шоҳ зебои тахт,
Ки донанда бодиву пирӯзбахт.

Мабодо, ки бошӣ ту паймоншикан,
Ки хок аст паймоншиканро кафан.

Ба бодафраи бегуноҳон макӯш,
Ба гуфтори бадгӯй маспор гӯш[3]

Ба ҳар кор фармон макун ҷуз ба дод,
Ки аз дод бошад равони ту шод.

Забонро магардон ба гирди дурӯғ,
Чу хоҳӣ, ки тахт аз ту гирад фурӯғ.

1. ИЛ – ӯяст
2. Л – ки бар мо кунанд
3. Л – хуш.

www.sattor.com

В-агар зердасте бувад ганҷдор,
Ту ӯро аз ин ганҷ беранҷ дор,

Ки чизи касон душмани ганҷи туст,
Бад-он ганҷ шав шод, к-аз ранҷи туст.[1]

Ҳама дар панохи ту ёбад[2] нашаст,
Агар пурманиш бошад, ар[3] зердаст.

Кӣ[4] некӣ кунад бо[5] ту, подош кун,
Або душмани дӯст[6] пархош кун.

В-агар гардӣ андар ҷаҳон арҷманд,
Зи ранҷи тан андешу дарду[7] газанд.

Сарои сипанҷ аст ҳар чун ки ҳаст,
Бад-ӯ -андар эман нашояд нишаст.

Ҳунар ҷӯю бо пири[8] доно нишин,
Чу хоҳӣ, ки ёбӣ зи бахт[9] офарин.

Ба дониш гарою бад-ӯ шав баланд,[10]
Чу хоҳӣ, ки аз бад наёбӣ газанд.

Гиромӣ кун онро, ки дар пеши ту
Сипар кард ҷони бадандеши ту.

Чу бар сар ниҳӣ тоҷи шоҳаншаҳӣ,
Раҳи беҳтарӣ бозҷӯй аз беҳӣ.

Ҳамеша яке донишӣ пеш дор,
Варо чун равону тани хеш дор.

---

1. ИЛ –б. 3896, 3897 нест;
   ТПИЛМ – Агар зердасте шавад моядор,
   Ҳамон шаҳрёраш бувад поядор.
2. ИЛ – бояд
3. Л – покрой аст, агар; И – Забардастхоҳе, агар
4. И–Чу
5. И – кас
6. И – В-агар бад кунад низ
7. И – дур аз
8. Л – марди
9. И – ба дод
10. ИЛ – б. 3903 нест.

www.sattor.com

Бузургону бозоргонони шаҳр,
Ҳам аз дод бояд, ки ёбанд баҳр.

Касе, к-ӯ надорад ҳунар бо нажод,
Макун з-ӯ ба низ аз каму беш ёд.

Мадеҳ марди беарзро сози ҷанг,
Ки чун боз ҷӯӣ, наёяд ба чанг.

Ба душман супорад варо дӯстдор,
Ду кор оядат пеш душвору хор.

Силеҳи ту дар корзор оварад,
Ҳамон бар ту рӯзе ба кор оварад.

Бубахшой бар мардуми мустаманд,
Зи бад дур бошу битарс аз газанд.

Ҳамеша ниҳони дили хеш ҷӯй,
Макун родиву дод ҳаргиз ба рӯй.

Ҳамон низ некӣ ба андоза кун,
Зи марди ҷаҳондида бишнав сухун.

Ба дине гарову ба дин дор чашм,
Ки аз дин бувад мардро рашку хашм.

Хазина ба андозаи ганҷ кун,
Дил аз бешии ганҷ[1] беранҷ кун.

Ба кирдори шоҳони пешин нигар,
Набояд, ки бошӣ ҷуз аз додгар.

Ба нафрин бувад баҳри бедод шоҳ,
Ту ҷуз дод мапсанду нафрин махоҳ.

Куҷо он сари[2] тоҷи шоҳаншаҳон,
Куҷо он бузургону фаррухмеҳон?

Аз эшон сухан ёдгор асту бас,
Сарои сипанҷӣ намонад ба кас.

1. Л – Ҳама такя бар марди
2. Л – сару

www.sattor.com

Газофа мафармой хун рехтан,
В-агар ҷангро лашкар овехтан,

Нигаҳ кун бад-ин номаи пандманд,
Дил андар сарои сипанҷӣ мабанд.

Бад-ин мо туро некуй хостем,
Ба дониш дилатро биёростем.

Ба роҳи Худованди хуршеду моҳ
Бирав,[1] дур кун девро дастгоҳ.

3925 Ба рӯзу шаб ин номаро пеш дор,
Хирадро ба дил довари хеш дор.

Агар ёдгоре кунӣ дар ҷаҳон,
Зи номат бузургӣ нагардад[2] ниҳон,

Худованди некӣ[3] паноҳи ту бод,
Замону замин некхоҳи ту бод!

Ба коми ту гарданда чархи баланд,
Зи кирдори[4] бад дуру дур аз газанд».[5]

Чу бинвишт, биспурд онро ба ганҷ,
Ҳаросон буд андар сарои сипанҷ.[6]

3930 Шаҳаншоҳи борою доду хирад,
Бикӯшад, ки бо шарм гирд оварад

Далерӣ ба разм андару зӯри даст,
Ҳамон[7] покдиниву яздонпараст,

---

1. Л – Бидав,
2. Л – намонад
3. Л – гетӣ
4. Л – тимори
5. ТПМ – На ғамро ҳаме бар дилат роҳ бод,
На шодитро даст кӯтоҳ бод!
Замона туро ҷовидон банда бод,
Сари бадсиголонат афканда бод!
Ба чархи нуҳум ахтари бахти ту
Маҳу муштарӣ сояи тахти ту.
Зи тоҷи ту рахшанда гашта ҷаҳон
Ба хидматгарӣ пеши гоҳат шаҳон.
6. Л –б. 3929 нест; И – б. 3913–3929 нест.
7. Л – Бувад

www.sattor.com

Ба гетӣ нигар, к-ин ҳунарҳо кирост,
Чу дидӣ, ситоиш мар ӯро сазост.

Бичӯй он, ки чун муштарӣ равшан аст,
Ҷаҳонҷӯй бо теғу бо ҷавшан аст.

Ҷаҳон бистад аз мардуми бутпараст,
Зи дебои дин бар дил озин бубаст.[1]

Кунун лоҷарам ҷуд мавҷуд гашт,
Чу шоҳи ҷаҳондор Маҳмуд гашт.

Агар базм ҷӯяд ҳаме, гар[2] набард,
Ҷаҳонбахшро[3] ин бувад коркард.

Абулқосим он шоҳи пирӯзу[4] род,[5]
Замона ба дидори[6] ӯ шод бод.

ПУРСИШИ МӮБАД АЗ НӮШИНРАВОН ВА ПОСУХИ Ӯ

Яке пир буд паҳлавонисухан,[7]
Ба гуфтору кирдор гашта куҳан.

Чунин гӯяд аз дафтари паҳлавон,
Ки пурсид мӯбад зи Нӯшинравон,

Ки «Он чист, к-аз Кирдгори ҷаҳон
Бихоҳад парастанда андар ниҳон?

Бад-он орзу низ посух диҳад,
Бад-он посухаш бахти фаррух ниҳад.

Яке даст бардошта б-осмон,
Ҳаме хоҳад аз Кирдгори ҷаҳон.

1. И –б. 3928, 3929 нест.
2. ИЛ – ё.
3. И – Ҷаҳонгӯйро.
4. И – пирӯзи.
5. Л – дод.
6. Л – кирдори.
7. ИЛ – паҳлавони сухан.

www.sattor.com

Биёбад ба хоҳиш ҳаме орзу,[1]
Ду чашмаш пуроб асту пурчин бурӯ?»[2]

Ба мӯбад чунин гуфт пирӯз[3] шоҳ,
Ки «Хоҳиш ба[4] Яздон ба андоза хоҳ.

Чу хоҳиш зи андоза берун шавад,
Аз он орзу дил пур аз хун бувад».[5]

Бипурсид: «Некӣ киро дарх(в)ар аст,
Ба номи бузургӣ кӣ зеботар аст»?

Чунин дод посух, ки «Ҳар кас, ки ганҷ
Биёбад пароканда, нобурда ранҷ,

Набахшад, набошад сазовори тахт,
Замон то замон тира гардад-ш бахт.

Ба ҳастиву бахшиш бувад мард меҳ,
Ту гар ганҷ дорӣ, бубахшу манеҳ».[6]

Бипурсид: «Хирадро, ки бунёд чист,
Ба баргу ба бори хирад шод кист?»

Чунин дод посух, ки «Доност шод,
Дигар он ки шармаш бувад бо нажод».

Бипурсид: «Дониш киро судманд,
Кадом аст бедонишу бегазанд?»

Чунин дод посух, ки «Ҳар к-ӯ хирад
Бипарвард, ҷонро ҳаме парварад.[7]

Зи бешӣ хирадро бувад судманд,
Зи каммиш тимору дарду газанд».[8]

1. И – орзуй,
2. И – бурӯй.
3. И – Ба посух чунин гуфт бедор
4. ИЛ – зи
5. ИЛМ – шавад.
6. И – б. 3949 нест.
7. И –б. 3953 нест.
8. Л – б. 3953, 3954 нест.

www.sattor.com

Бипурсид: «Дониш беҳ аз фарри шоҳ
Ки фарру бузургист зебои гоҳ?»

Чунин дод посух, ки «Дониш ба фар
Бигирад ҷаҳон сарбасар зери пар,

Хирад бояду ному фарру нажод,
Бад-ин чор гирад сипеҳр аз ту ёд».

«Зи шоҳон,– бипурсид,– зебои тахт
Кадом асту аз кист ношодбахт?»

Чунин дод посух, ки «Ёрӣ нахуст
Бибояд зи шоҳи ҷаҳондор ҷуст.

Дигар бахшишу донишу расму роҳ,
Диле пур зи бахшоиши додхоҳ.

Шашум[1] он касеро диҳад меҳтарӣ,
Ки бошад сазовор аз беҳтарӣ.

Ба ҳафтум,[2] ки аз неку бад дар ҷаҳон
Суханҳо бар ӯ-бар намонад ниҳон.

Ба ҳаштум,[3] ки душман надонад зи дӯст,
Беозорӣ аз шаҳрёрон накӯст.

Чу фарру хирад дораду дину бахт,
Сазовори тоҷ асту зебои тахт.

В-агар з-ин суханҳо наёбӣ дар ӯй,
Ҳамоно, ки ёбиш беобрӯй.[4]

Бимонад пас аз марги ӯ номи зишт,
Наёбад ба фарҷом хуррамбиҳишт».

Бипурсидаш аз роду хурдакманиш,
Зи некикуниш мардуму бадкуниш.

1. Л–дувум
2. Л – Сеюм он
3. Л – Чаҳорум
4. И-6. 3965 нест.

www.sattor.com

Чунин дод посух, ки «Озу ниёз,
Ду деванд бадгавҳару[1] дерсоз.

Ҳар он кас, ки бешӣ кунад орзу,[2]
Бад-он деви бад бозгардад ба хӯ.[3]

Дигар сифлагӣ баргузиниву ранҷ,[4]
Гузинӣ[5] бар ин[6] хок[7] оганда ганҷ,[8]

Чу бечора деве бувад пурниёз,[9]
Ки ҳар ду ба як хӯ гароянд[10] боз».

Бипурсид: «Гуфтор чанд асту чист,[11]
Ки баҳре[12] ҳаме з-ӯ бибояд[13] гирист?

Дигар баҳра ганҷ асту тоҷ асту ном,
Аз он мустамандем, аз ин шодком».

Чунин дод посух, ки «Доно сухун
Бубахшиду андеша афканд бун.

Нахустин сухан гуфтани судманд
Хушовоз хонад варо бегазанд.

Дигар он ки паймонсухан хонияш,
Сухангӯву бедордил донияш.

Ки чандон сар ояд, ки ояд ба кор
В-аз ӯ монад андар ҷаҳон ёдгор.

Се дигар сухангӯи ҳангомҷуй
Бимонад ҳамасола бообрӯй.

1. Л – бадгавҳари
2. И – орзуй,
3. И – хӯй,
4. И – баргузинад зи ганҷ; Л – В-агар сифлагӣ баргузид ӯ зи ганҷ,
5. Л – Гузинад
6. Л – он,
7. И – Гузинад бар он ганҷи
8. И – ранҷ.
9. И – бониёз,
10. И – якдигар оянд.
11. Л – чанд аст гуфтор чист: И – чанд асту гуфтор чист.
12. И – шахре
13. Л – шаҳре аз ӯ мебибояд

www.sattor.com

Чаҳорум, ки доно дилорой хонд,
Сарояндаро марди борой хонд.

Ки пайваста гӯяд саросар сухан,
Агар нав бувад достон, гар куҳан.[1]

Ба панҷум, ки бошад сухангӯи гарм,
Ба ширин забон ҳам ба овои нарм.

Сухан чун як андар дигар бофтӣ,
Аз ӯ бегумон коми дил ёфтӣ».

Бад-ӯ гуфт: «Чанде ки омӯхтӣ,
Равонро ба дониш барафрӯхтӣ.

Бипурсӣ ҳам аз носазоён сухун,
Чӣ гӯӣ, ки дониш кай ояд ба бун?»

Чунин гуфт: «Аз ҳар кӣ омӯхтам
Ҳаме номи ҷону хирад тӯхтам.

Ба дониш нигар, дур бош аз гуноҳ,
Ки дониш гиромитар аз тоҷгоҳ».

Бад-ӯ гуфт: «Касро зи омӯхтан,
Ситоиш надидему афрӯхтан.

Нагӯяд касе, к-ӯ ба ҷое расид,
Ки низаш зи доно набояд шунид».[2]

Чунин дод посух, ки «Аз ганҷ сер
Ки ояд, магар хокаш орад ба зер?

Дари дониш аз ганҷ номитар аст,
Ҳамон назди доно гиромитар аст.

Сухан монад аз мо ҳаме ёдгор,
Ту бо ганҷ дониш баробар мадор».

Бад-ӯ гуфт доно: «Шавад марди пир,
Ки[3] омӯзишӣ бошаду ёдгир?»

1. И – б. 3979–3980 нест.
2. Л – аз ӯ
3. Л – Гар

www.sattor.com

Чунин дод посух, ки «Донои пир
Зи дониш ҷавоне бувад ногузир.[1]

Бар аблаҳ ҷавоне гузинӣ, равост,
Ки бе гӯри ӯ хоки ӯ бенавост».

Бипурсид, к-«Аз бахти шоҳаншаҳон
Бикардӣ ҳаме ёд пеши меҳон,

Кунун номашон беш ёд оварӣ,
Ба ёд[2] аз ҷигар сардбод оварӣ»?

Чунин дод посух, ки «Дар дил набуд,
Ки ин расмро худ биёрам ситуд.

Ба шамшери дод ин ҷаҳон доштан,
Чунин рафтану хор бигзоштан».

Бад-ӯ гуфт: «Бо ҳар касе пеш аз ин
Сухан рондӣ номвар беш аз ин.

Сабук дорӣ акнун нагӯӣ сухан,
На аз нав, на аз рӯзгори куҳан».

Чунин дод посух, ки «Гуфтор бас,
Ба кирдор ҷӯям ҳаме[3] дастрас.

Чунин[4] гуфт: «Ҳангоми пешин намоз
Набудӣ чунин пеши оташ дароз.

Шуморо ситоиш фузун аст аз он,
Хурӯши ниёиш бурун аст аз он».

Чунин дод посух, ки «Яздони пок
Парастандаро сар барорад зи хок.

Фалакро гароярдаи худ[5] кунад,
Ҷаҳонро ҳама бандаи худ[6] кунад.

1. ИЛ – б. 3993 нест.
2. Л – Ҳаме
3. И – кунун
4. И –Бад-ӯ
5. ИЛ – ӯ
6. И– ӯ

www.sattor.com

Гар ин банда онро надонад баҳо,
Мабодо зи дарду зи сахтӣ раҳо».

Бад-ӯ гуфт: «То ту шудӣ шаҳрёр,
Сипосат фузун чист аз Кирдгор,

К-аз он мар туро ромиш афзунтар аст,[1]
Дили бадсиголон пуразхунтар аст»[2]?

Чунин дод посух, ки «Аз Кирдгор
Сипос он ки гаштем беҳрӯзгор.

Касе пеши ман- бар фузунӣ наҷуст,
Аз овози ман даст бадро бишуст.

Забун буд бадхоҳ дар ҷанги ман,
Чу кӯполи ман диду оҳанги ман».

Бад-ӯ гуфт: «Дар ҷанги Ховар будӣ,
Чунон тезчангу диловар будӣ.

Чу дар Бохтар сохтӣ боз ҷанг,
Шикебоӣ оростӣ бо диранг».

Чунин дод посух, ки «Марди ҷавон
Наяндешад аз дарду ранҷи равон.

Ҳар он кӣ ба[3] сол- андар омад ба шаст,
Ба пеши мадоро бибояд нишаст.

Сипос аз ҷаҳондори[4] парвардгор,
К-аз ӯяст неку бади рӯзгор,

Ки рӯзи ҷавонӣ ҳунар доштем,
Баду некро хор бугзоштем.

Кунун рӯзи пирӣ ба донандагӣ,
Ба рою ба ганҷу фишонандагӣ

1. ИЛ – бартарӣ ромиш афзун шудаст,
2. ИЛ – хун шудаст.
3. И – гах, ки
4. Л – Худованди

www.sattor.com

Ҷаҳон зери оҳангу фарҳанги[1] мост,
Сипеҳри равон ҷавшани ҷанги[2] мост».

Бад-ӯ гуфт: «Шоҳони пешин дароз
Сухан хостанд ошкорову роз,

Шуморо сухан камтару роз беш,
Фузунед аз номдорони пеш»,

Чунин дод посух, ки «Ҳар шаҳрёр,
Ки бошад варо дини парвардгор,

Надорад тани хеш дар ранҷу дард,
Ҷаҳонро нигаҳбон ҳамон кас ки кард».

Бипурсид[3] шодон: «Дили шаҳрёр
Пурандеша бинам бад-ин рӯзгор».

Чунин дод посух, ки «Гарди газанд
Надорад ба дил мардуми ҳушманд».

Бипурсид, ки[4] шоҳони пешин зи базм
Набурданд ҷонро ба[5] андӯҳи[6] разм».

Чунин дод посух, ки «Эшон зи ҷом
Накарданд ҳаргиз ба дил ёди ном.

Маро ном бар ҷом чира шудаст,
Равонам замонро пазира шудаст».

Бипурсид, к- «Онҳо, ки шоҳон буданд,
Тани хештанро нигаҳбон буданд.

Ба доруву дармону кори пизишк
Бад-он то наёлуд бояд сиришк».

Чунин дод посух, ки «Танро замон
Кӣ пеш ояд аз гардиши осмон

1. Л – фарҳангу оини
2. Л – дини
3. ИЛ – Бад-ӯ гуфт
4. ИЛ –Бад-ӯ гуфт,
5. Л – зи
6. И – зи андӯҳу

www.sattor.com

Ба пой аст, дору наёяд ба кор,
Нигаҳ дорадаш гардиши рӯзгор.

Чу ҳангомаи рафтан ояд фароз,
Замона нагардад ба парҳез боз».

Бад-ӯ гуфт: «Чандин ситоиш кунем,
Ҷаҳонофаринро ниёиш кунем.

Замоне набошӣ бад-он шодмон,
Пурандеша дорӣ ҳамеша равон».

Чунин дод посух, ки «Андеша нест,
Дили шоҳ бо чархи гардон якест.

Битарсам, ки ҳар к-ӯ ситоиш кунад,
Магар бими моро ниёиш кунад.

Ситоиш набояд фузун з-он ки ҳаст,
Наҷӯем рози дили зердаст».

Бад-ӯ гуфт: «Шодӣ зи фарзанд чист?
Ҳамон орзуҳои[1] пайванд чист?»

Чунин дод посух, ки «Ҳар к-ӯ ҷаҳон
Ба фарзанд монад, нагардад ниҳон.

Чу фарзанд бошад, биёбад маза,
Зи баҳри маза дур гардад база.

В-агар бугзарад, кам бувад дарди ӯй,[2]
Ки фарзанд бинад рухи зарди ӯй.[3]

Бад-ӯ гуфт: «Гетӣ таносон кирост?
Зи кирдори некӣ[4] пушаймон кирост?»

Чунин дод посух, ки «Яздонпараст
Нагирад инони замонро ба даст.

1. ИЛ – орзуҳо ба
2. Л–доварӣ,
3. Л – бад-он дилбарӣ.
4. И – некӯ

www.sattor.com

Фузунӣ наҷӯяд, таносон шавад,
Чу бешӣ сиголад, ҳаросон шавад».

Дигар он ки гуфтӣ зи кирдори нек,
Ниҳонӣ дилу ҷон ба бозори[1] нек,

Зи[2] гетӣ забунтар кас ӯро[3] шинос,
Ки некӣ сиголад або носипос»

Бипурсид, к- «Он кас, ки бад карду мурд,
Зи девон ҷаҳон номи ӯро сутурд.

Ҳамон[4] кас, ки некӣ кунад, бигзарад,
Замона нафасро ҳаме бишмарад.[5]

Чӣ бояд ҳаме некуиро ситуд,
Чу марг омаду неку бадро дуруд»?[6]

Чунин дод посух, ки «Кирдори нек
Биёбад ба ҳар ҷой бозори нек.

Намурд он ки ӯ неккирдор мурд,
Биёсуду ҷонро ба Яздон супурд.[7]

Наёсуд он кас, к-аз ӯ бозмонд.
В-аз ӯ дар замона бад овоз монд».

Дигар[8] гуфт: «Бад нест, бадтар зи марг,
Агар бошад, онро чӣ созем барг?»

Чунин дод посух, к- «Аз ин тирахок
Агар бугзарӣ, ёфтӣ ҷои пок.

Ҳар он кас, ки дар биму андӯҳ зист,
Бар он зиндагонӣ бибояд гирист.

---

1. ИЛ – ҷони мо кори
2. Л – Ба
3. ИЛ – онро
4. Л – Ҳар он
5. Л – некӯиҳо
6. И – бисуд.
7. ТПЗ – В-аз он кас, ки монад ҳаме номи бад,
   Ба оғоз бад буду фарҷом бад.
8. ИЛ – Бад-ӯ

www.sattor.com

Агар шоҳ бошӣ, агар кеҳтарӣ,
Зи биму зи дарди ҷаҳон бугзарӣ».[1]

Бад-ӯ гуфт: «Аз ин ҳар ду бадтар кадом,
К-аз ӯем пурдарду ношодком?»

Чунин дод посух, ки «Ҳам санги кӯҳ
Ҷуз андӯҳ машмар, ки гардад гурӯҳ.

Чӣ бим аст, агар бими андӯҳ нест,
Ба гетӣ ҷуз андӯҳ настӯҳ нест».

Бипурсид: «Растан аз инҳо ба чист,
Ки бар кори гетӣ бибояд гирист»?

Чунин дод посух, ки «Дониш бувад,
Ки донанда доим ба ромиш бувад».[2]

Бипурсид, к- «Аз мо кӣ боганҷтар»?
Чунин гуфт, к- «Он кас, ки беранҷтар».

Бипурсид, к-«Оҳу кадом аст зишт,
Ки аз арҷ дур асту дур аз биҳишт?»

Чунин дод посух, ки «Занро,[3] ки шарм
Набошад сиришту на[4] овози нарм.

Зи мардон батар он ки нодон бувад,
Ҳама зиндагонӣ ба зиндон бувад».

Бад-ӯ гуфт: «Мардум кӣ настӯҳтар?»
Чунин гуфт, к- «Он, к-ӯ беандӯҳтар».

Шавад пеши Яздон тани пургуноҳ,
Зи бадҳо дили хеш карда сиёҳ».

Бад-ӯ гуфт: «Мардум кадом аст рост,
Ки ҷону хирад бар дили ӯ гувост?»

1. ИЛ – б. 4057 нест.
2. ИЛ – б. 4061, 4062 нест.
3. И – онро
4. И –ҳамон низ

www.sattor.com

Чунин гуфт, к- «Он, к-ӯ ба суду зиён
Бикӯшад, набандад бадиро миён».

Бипурсид: «Мардум кӣ некӯтар аст,
Ки он бар сари мардумон афсар аст?»

Чунин дод посух, ки «Гар бурдубор
Бувад мардум, афсун-ш н-ояд ба кор.

На он к-аз бадӣ судмандӣ кунад,[1]
Дигар[2] низ ройи баландӣ кунад.

Чу роде, ки подоши родӣ наҷуст,
Бубахшиду торикӣ аз дил бишуст.

Се дигар чу кӯшоии эзадӣ,
Ки аз ҷони пок ояду бихрадӣ».

Бад-ӯ гуфт: «Дар дил ҳарос аз чӣ беш?»
Чунин гуфт, к- «Аз ранҷи кирдори хеш».[3]

Бад-ӯ гуфт: «Бахшиш кадом аст беҳ,
Ки бахшанда гардад сарафрозу меҳ?»

Чунин дод посух, к- «Аз арзониён
Мадоред боз эч суду зиён».

Бипурсид мӯбад: «Зи кори ҷаҳон
Сухан баркушой ошкору ниҳон,

Ки оин гузинем аз ӯ гар писанд,
Агар гардиши кори носудманд».

Чунин дод посух, ки «Ин чархи пир
Агар ҳаст бодонишу ёдгир,

Бузург асту дорандаву бартар аст,
Ки бар доварони ҷаҳон довар аст.[4]

1. Л – пайи судмандӣ бувад,
2. Л–В-агар
3. И – б. 4075, 4076 нест.
4. И – б. 4081, 4082 нест.

www.sattor.com

Ба оин машав, дур бош аз писанд,
Мабин эч аз ӯ суду носудманд.[1]

Баду нек аз он дон, к-аш анбоз нест,
Ба кореш фарҷому оғоз нест.

Чу гӯяд бибош, ончи гӯяд[2] бад аст
Ҳам ӯ буд, то буду то ҳаст, ҳаст».

Бнпурсид, к- «Аз дард бар кист ранҷ,
Ки тан чун сарой аст ҷонро[3] сипанҷ?»

Чунин дод посух, ки «Ин гирдпӯст,
Бувад ранҷа чандон, ки мағз андар ӯст.

Чу полуд аз он ҷон, надорад хирад,
Ки ҷон з-ӯ бибоист, агар бугзарад».

Бипурсид мӯбад зи парҳезу гуфт,
Ки «Озу ниёз аз кӣ[4] битвон нуҳуфт?»

Чунин дод посух, ки «Озу ниёз
Сазад, гар надорад хирадманд боз.

Ту аз оз бошӣ ҳамеша ба ранҷ,
Ки ҳамвора серӣ наёбӣ[5] зи ганҷ».

Бипурсид, к- «Аз шаҳрёрони пеш
Ба ҳушу ба рою ба оину кеш[6]

Киро донӣ, эй шаҳрёри замин,
Пас аз марг бар кӣ кунем офарин?»

Чунин дод посух, ки «Он подшо,
Ки бошад парастандаву порсо,

Зи додори доранда дорад сипос,
Набошад кас аз ранҷи ӯ дар ҳарос.[7]

1. Л – б. 4081–4083 нест.
2. Л – хоҳад
3. И – асту ҷон чун
4. И –чӣ
5. И – наёяд
6. Л – ба дину ба
7. И – б. 4095 нест.

www.sattor.com

Пуруммед дорад дили некмард,
Дили бадкунишро пур аз биму дард.

Сипаҳро биёрояд аз ганҷи хеш,
Сӯи бадсигол афканад ранҷи хеш.

Сухан пурсад аз бихрадони ҷаҳон,
Баду нек дорад зи душман[1] ниҳон».

Бипурсид:[2] «Кори парастиш ба чист?
Ба некии Яздон гароянда кист?»

Чунин дод посух, ки «Торикҷӯй,
Равон андарорад ба борик мӯй.

Нахуст он ки донад, ки ҳасту якест,
Туро з-ин нишон раҳнамой андакест.[3]

В-аз ӯ дорад аз кори некӣ сипос,
Бад-ӯ бошад эмин в-аз ӯ дар ҳарос.

Ҳаросӣ, ту он гаҳ, ки ҷӯӣ газанд,
В-аз ӯ эманӣ, чун бувӣ судманд.

Агар некдил бошиву роҳҷӯй,
Бувад назди ҳар кас туро обрӯй.

В-агар бадкуниш бошиву бадтана,
Ба дӯзах фиристӣ саросар[4] буна.

Мабош эч густох бо ин ҷаҳон,
Ки ӯ рози хеш аз ту дорад[5] ниҳон.

Гироянда бошӣ ба кирдори[6] дин,
Надонӣ бар ин рӯзгорат[7] гузин.

Хирадро кунӣ бар дил омӯзгор,
Бикӯшӣ, ки нафребӣ аз рӯзгор.

1. Л – мардум
2. Л – Бад-ӯ гуфт
3. ИЛ – б,4101 нест.
4. И – фиристода бошӣ
5. Л – ӯро хира дорад андар
6. И – Ба кирдори некӯ гарову ба
7. И – Бар ин ҳеҷ коре маёвар

www.sattor.com

Ҳамон низ боре гунаҳгор мард,
Набошӣ ба бозори нангу набард.

Ғами он ҷаҳон аз пайи ин ҷаҳон
Набояд, ки дорӣ ба дил-дар ниҳон.

Нишинӣ ту ҳамроҳ бо бихрадон,
Гироянда бо ромиши ҷовидон,

Ки ин ромиш андар ҷаҳон бугзарад,
Ҳуш инро ба ромиш ҳаме нашмарад.

Гироянда бо вай[1] ба фарҳангу рой,
Ба Яздон хирад боядат раҳнамой.

Зи андоза барнагзаронӣ сухан,
Ки ту нав нигориву гетӣ куҳан.

Нагардонадат гардиши[2] рӯз маст,
Набошад-т бо мардуми бад нишаст.

Бупечӣ дил, аз ҳарчи нобуданист,
Бубахшой онро, ки бахшуданист.

Надорӣ дареғ, он чи дорӣ,[3] зи дӯст,
Агар дида хоҳад, агар мағзу[4] пӯст.

Агар дӯст бо дӯст гирад шумор,
Набояд, ки бошад миёнҷӣ ба кор.

Чу бо марди бадхоҳ бояд[5] нишаст,
Чунон кун, ки накшояд ӯ бар ту[6] даст.

Чу ҷӯяд касе роҳи пайвастагӣ,
Ҳунар бояду шарму оҳистагӣ.

Набояд забон аз ҳунар чиратар,[7]
Дурӯғ аз ҳунар нашмарад додгар.

1. И – бодӣ
2. И – ромиши
3. И – Нагирӣ ба чизе чудоӣ
4. И – в-агар мағзи
5. И–бошад.
6. И–аз бар ду
7. И – бештар,

www.sattor.com

Надорад бузургӣ касеро[1] ба чиз,
На хорӣ ба ночиз дорад ба[2] низ.

Агар бадгумоне кушояд забон,
Ту тезӣ макун ҳеҷ бо бадгумон.

В-аз он пас, ки[3] сустӣ гумоне барад,
В-аз андоза гуфтори ӯ бугзарад,

Ту посух мар ӯро баандоза гӯй,
Суханҳои хуб оварад,[4] тоза гӯй.

Ба озарм агар бифканӣ сӯи хеш,
Пушаймонӣ ояд ба фарҷом пеш.

Чу бекор бошӣ, машав ромишӣ,
Фигор аст[5] бекор, агар боҳушӣ.

Ба ҳар кор кӯшо бибояд будан,[6]
Ба дониш ниюшо бибояд шудан.

Ба коре наёзӣ,[7] ки фарҷоми ӯй,
Пушаймониву тундӣ орад ба рӯй.

Бубахшой бар мардуми мустаманд,
Нанозад дилат сӯи дарду газанд.

Хирадманд гар дил кунад бурдбор,
Набошад ба чашми ҷаҳондор хор.

Бидонад, ки чанд аст бо ӯ ҳунар,
Ба андоза орад[8] ба ҳар кор сар

Ки афзунӣ аз дӯст бистоядаш,
Баландиву кашшӣ биафзоядаш.

1. И – Набошад касеро бузургӣ
2. И – Ҳунар бояду аклу парҳез
3. И – чу
4. Л –чарб овару
5. ИЛ – На кор аст
6. Л – шудан,
7. ИЛ – мабодӣ,
8. И – бояд

www.sattor.com

Ҳамон мард Эзад надорад ба ранҷ,
Агарчанд гардад пароканда ганҷ.

4135 Парастиш кунад пешаву ростӣ,
Бупечад зи бероҳиву[1] костӣ.[2]

Ҳамин аст рою ҳамин аст роҳ,
Ба Яздон гирою ба Яздон паноҳ.

Агар додгар бошӣ, эй[3] шаҳрёр,
Зи ту[4] монадӣ дар ҷаҳон[5] ёдгор.

Чунон ҳам, ки аз шоҳ Нӯшинравон,[6]
Ки ӯ хок шуд, ном дорад ҷавон.[7]

Ба кирдори некӯ бувад бегумон,
Чунин номи ӯ зинда дар ҳар замон.

4140 Бувад то ба ҷон аст чарху замин,
Абар ҷонаш аз бихрадон офарин.[8]

НОМА НАВИШТАНИ НӮШИНРАВОН НАЗДИКИ ПИСАРИ ҚАЙСАР ВА ПОСУХ ФИРИСТОДАНИ ОН

Чунин дидам аз номаи бостон,
Зи гуфтори он донишӣ ростон,

Ки огоҳӣ омад зи ободбум
Ба назди ҷаҳондор Кисро зи Рум,

Ки ту зинда бодӣ, ки Қайсар бимурд,
Замонаш[9] замин дигареро супурд.

1. И – ҳар кажживу
2. ТПЗИЛ – Бад-ин зуд ин шоҳҳо ёфт даст,
Ҳунарманди диниву эздпараст.
3. Л – бошадӣ
4. Л – Аз ӯ
5. И – Накӯ монад аз ту ҳаме
6. И-Нӯширвон
7. ТПЗ – Шуд андар ниҳон номи ӯ ошкор,
Аз ӯ монда гуфтори ӯ ёдгор.
8. ИЛ –б. 4138, 4140 нест.
9. ИЛ – Замону,

www.sattor.com

Пурандеша шуд ҷони Кисро зи марг,
Шудаш лаълрухсор[1] чун зардбарг.

Гузин кард аз Эрон фиристодае,
Ҷаҳондида мардеву озодае.

Фиристод наздики фарзанди ӯй,
Бад-он сабзшоҳи барӯманди ӯй.

Сухан гуфт бо ӯ ба хубӣ[2] басе,
К-аз ин бад раҳоӣ наёбад касе.

Яке нома бинвишт бо сӯгу[3] дард,
Пур аз об дида ду[4] рухсора зард,

Ки «Яздон туро зиндагонӣ диҳод,
Пас аз марги ӯ комронӣ[5] диҳод.

Назояд ба ҷуз[6] хокро ҷонвар,
Сарои сипанҷ асту мо баргузар.

Агар тоҷ соем, агар хӯду тарг,
Раҳоӣ набошад ҳам аз чанги марг,

Чи Қайсар, чи Хоқон, чу омад замон,
Ба хок андарорад сараш бегумон.

Зи Қайсар туро мужда бисёр бод,
Масеҳо равони варо ёр бод!

Шунидам, ки бар номвар тахти ӯй
Нишастӣ, биёростӣ бахти ӯй.

Зи мо ҳарчи бояд зи нерӯ, бихоҳ,
Зи аспу силеҳу зи ганҷу сипоҳ».

Фиристода аз пеши Кисро бирафт,
Ба наздики Қайсар хиромид тафт.

1. И–лаълрухсора
2. Л–чарбӣ
3. Л – пурсӯгу
4. ИЛ – ду
5. Л – меҳрубонӣ
6. ИЛ – ҷуз аз

www.sattor.com

Чу омад ба даргаҳ, кушоданд роҳ,
Фиристодаи шоҳ шуд пеши гоҳ.

Чу Қайсар нигаҳ карду унвон бидид,
Зи бешии Кисро дилаш бардамид.

Ҷавон хирасар буду ҳам навнишаст,
Фиристодаро тез бинмуд даст.

Бипурсид ноком пурсиданӣ,
Нигаҳ карданӣ пасту гарвиданӣ.

Яке ҷои дураш фуруд оварид,
Бад-он номаи подшо нангарид.

Ба як ҳафта ҳар кас, ки буд ройзан,
Ба наздики Қайсар шуданд анҷуман,

Чунин гуфт Қайсар або ройзан,
Ки «Ин посухи номаро рой зан.

Чунон чун ту донӣ, ки бояд навишт,
Навису падидор кун хубу зишт».[1]

Чунин гуфт мӯбад, ки «Ман кеҳтарам,[2]
Зи фармони шоҳи ҷаҳон нагзарам.[3]

Ҳама усқуфу мӯбаду ройзан
Ба як сӯ шуданд андар он анҷуман.

Навиштанд пас посухи нома зуд,
Бад-он сон, ки Қайсар бифармуда буд.[4]

Сазо худ зи шаҳ ҳамчунин нома буд,
На бо ком боисти худкома буд.

Дигар он ки Қайсар ҷавон асту нав,
Ба гавҳар бар ин марзи мо пешрав.

1. ИЛ –б. 4163, 5164 нест.
2. ИЛ – Саранҷом гуфтанд: «Мо кеҳтарем,
3. ИЛ –нагзарем.
4. ИЛ – б. 4166, 4167 нест;
ТПЗ – Нахуст аз ҷаҳонофарин ёд кард,
Хирадро бар он ёд бунёд кард.

www.sattor.com

Як имсол бо марди барно матов,
Ба унвони бешиву ҳам божу сов.

Ба ҳар кордореву худкомае,
Набиштаст бар носазо номае.

Ба унвон зи Қайсар сарафрози Рум,
Худованди марзу худованди бум,

Фиристодаи шоҳи Эрон расид.
Бигӯяд, зи бозори мо ҳар чӣ[1] дид.

Аз андӯҳу шодӣ сухан ҳар чӣ гуфт,
Ғаму шодмонӣ намонад нуҳуфт.

Бишуд Қайсару тоза шуд Қайсаре,
Ки сар барфарозад зи ҳар меҳтаре.

Надорад зи шоҳон касеро ба кас,
Чу[2] кеҳтар бувад[3] шоҳи фарёдрас.

Чу қиртоси румӣ[4] биёростанд,
Ба дар-бар фиристодаро хостанд.

Чу бишнид доно, ки шуд рой рост,
Биёмад ба дар, посухи нома хост.

Варо носазо хилъате сохтанд,
Зи бегона айвон бипардохтанд.

Бад-ӯ гуфт Қайсар: «На ман чокарам,
На аз Чину ҳайтолиён кеҳтарам,

Зи меҳтар сабук дошта носазост,
Агар шоҳи ту бар ҷаҳон подшост,

Бузург он ки ӯро басе душман аст,
Маро душману дӯст бар доман аст.

---

1. И – мо пеши шоҳ он чӣ
2. ИЛ – Чӣ
3. ИЛ – чи аз
4. Л – чинӣ

www.sattor.com

Чӣ дорӣ ту аз ман бузургӣ дареғ,
Ҳаме офтоб андарорӣ ба меғ.[1]

Чу кор оядам, шаҳрёрам туӣ,
Ҳамон аз падар ёдгорам туӣ.

Сухан ҳар чӣ дидӣ, ба хубӣ бигӯй,
В-аз ин посухи нома зиштӣ маҷӯй,

Варо носазо хилъат оростанд,[2]
Ба дар бораи марзбон хостанд.

Фиристода баргашту омад дамон,
Ба манзил замоне наҷустӣ замон,

Биёмад, ба наздики Кисро расид,
Бигуфт, он куҷо рафту диду шунид.

Зи гуфтори ӯ тангдил гашт шоҳ,
Бад-ӯ гуфт: «Бархӯрдӣ аз ранҷи роҳ.

Шунидам, ки ҳар к-ӯ ҳаво парварад,
Наяндешад аз кор, кайфар барад.

Киро дӯсту душман надонад ҳаме,
Чунин рози дил бар ту[3] хонад ҳаме.

Гумонад, ки моро ҷуз ӯ дӯст нест,
В-агар хуну мағзу паю пӯст нест.

Агар низ як тан зи руминажод
Бимонам, ки бошад бари[4] тахт шод,

Ҳаме сар фарозад, ки ман Қайсарам,
Гар аз номдорон яке меҳтарам.

Наям аз нажоди диловар Қубод,
Макун пеши мардон зи ман боз ёд.[5]

1. ТП – На аз озмоиш ҳаме кам шавад,
В-агар хун чаконӣ бар ӯ, ям шавад.
2. Л – Танашро ба хилъат биёростанд,
3. Л – ки
4. Л – бар он
5. ИЛ – б. 4195 нест.

www.sattor.com

Кунам з-ин сипас Румро ном Шум,
Барангезам оташ зи ободбум.

Ба Яздони поку ба хуршеду моҳ,
Ба Озаргушаспу ба тахту кулоҳ.

Дигар[1] ҳар чӣ дар подшоҳии ӯст,
Зи ганҷи куҳан баркунад[2] гов пӯст.

Насояд сари теғи моро наём,
Магар дил зи румӣ расонам ба ком.

Бифармуд, то бар дараш карраной
Дамиданд бо санҷу ҳиндидарой.

Хамон[3] кӯс бар кӯҳаи жандапил
Бубастанду шуд рӯи[4] гетӣ чу нил.

Сипоҳӣ гузашт аз Мадоин ба дашт,
Ки дарёи Сабз андар ӯ хира гашт.

Зи нолидани бӯқу ранги дирафш,
Зи ҷӯши саворони зарринакафш,

Ситора, ту гуфтӣ, ба об андар аст,
Сипеҳри раванда ба хоб андар аст.

ЛАШКАР КАШИДАНИ КИСРО БА РУМ ВА ВОМ ГИРИФТАН АЗ БОЗОРГОНОН

Чу огоҳӣ омад ба Қайсар зи шоҳ,
Ки пурхашм аз Эрон бишуд бо сипоҳ.

Биёмад зи Аммурия то Ҳалаб,
Ҷаҳон шуд пурошӯбу бонгу ҷалаб.[5]

Саворони румӣ чу сесад ҳазор,
Ҳалабро гирифтанд яксар ҳисор.

1. Л – Ки гар
2. Л-ганҷу гуҳар пур кунад
3. И – Чиҳил
4. Л – Бубасту шуд аз гард
5. И – Пур аз ҷангу шӯру шағаб.

www.sattor.com

Савор андаромад зи ҳар сӯ ба ҷанг,
Набуд ҷангашонро фаровон диранг.

Биёрост бар ҳар даре[1] манҷаниқ,
Зи гурдони Рум он, ки буд ҷосалиқ.

Ҳисори Сақило бипардохтанд,
К-аз он сӯ ҳаме тохтан сохтанд.

Ҷалаб шуд ба кирдори дарёи хун,
Ба зинҳор шуд лашкари Ботрун.

Беандоза куштанд аз эшон ба тир,
Ба разм- андарун чанд шуд дастгир.

Ба ду ҳафта аз румиён сӣ ҳазор
Гирифтанду бурданд зӣ шаҳрёр.[2]

Ба пеши сипаҳ кандае сохтанд,
Ба шабгир об андарандохтанд.

Ба канда бубастанд бар шоҳ роҳ,
Фурӯ монд аз ҷанг шоҳу сипоҳ.

Сипаҳдор рӯзидиҳонро бихонд,
В-аз он ҷанг ҷанде суханҳо биронд.[3]

Ки ин кор бо ранҷ бисёр гашт,
Ба[4] обу ба канда нашояд гузашт.

Силаҳро дирам бояду дастгоҳ,
Ҳамон аспу хафтону румикулоҳ,

Сӯи ганҷ рафтанд рӯзидиҳон,
Дабирону дастури[5] шоҳи ҷаҳон-

Аз андозаи лашкари шаҳрёр
Кам омад зи динор[6] сесад ҳазор.

---

1. ИЛ – бар ҳар сӯе
2. И – Гирифтанд гурдони ханҷаргузор.
3. ТПМ – Баромад бар ин рӯзгоре дароз,
   Ба симу зар омад сипаҳро ниёз.
4. Л – Бар
5. Л – ганҷури
6. Л – дирам танг

www.sattor.com

Биёмад бари шоҳ мӯбад чу гард,
Ба ганҷ он чи буд, аз дирам ёд кард.

Дижам кард шоҳ андар он кор чеҳр,
Бифармуд, то рафт Бузарҷмеҳр.

Бад-ӯ гуфт: «Агар бадра монад тиҳӣ,
Чӣ бояд маро номи шоҳаншаҳӣ.

Бирав ҳам кунун сорвонро бихоҳ,
Ҳаюнон ба хатте барафкан ба роҳ.

4225 Сад аз ганҷи Мозандарон бор кун,
В-аз ӯ бештар бор динор кун».

Ба шоҳи ҷаҳон гуфт Бузарҷмеҳр,
Ки «Эй шоҳи бododу борою меҳр,

Сӯи ганҷи Эрон дароз аст роҳ,
Тиҳидасту бекор монад сипоҳ.[1]

Бад-ин шаҳрҳо гирди мо-дар кас аст,
Ки сад як зи молаш сипаҳро бас аст.

Зи бозоргонону деҳқон дирам
Агар вом хоҳӣ, нагардад дижам».

4230 Бад-он кор шуд шоҳ ҳамдостон,
Ки донои Эрон бизад достон.

Фиристодае чуст Бузарҷмеҳр,
Хирадманди шодондилу хубчеҳр.

Бад-ӯ гуфт: «Аз эдар дуаспа бирав,
Гузин кун яке номбардори нав.[2]

Зи бозоргонону деҳқони шаҳр,
Касеро куҷо ёбад[3] аз ном баҳр.

Зи баҳри сипоҳ ин дирам вом хоҳ,
Ба зудӣ бифармояд аз ганҷ шоҳ.

1. И –б. 4226, 4227 нест.
2. Л - номбардор гав.
3. Л – бояд

www.sattor.com

Биёмад фиристодаи хушсухан,
Ки нав буд ба солу ба дониш куҳан.

Паямбар ба андеша борик буд,
Биёмад ба шаҳре, ки торик[1] буд.

Дирам хост вом аз пайи шаҳрёр,
Бар ӯ анҷуман шуд басе моядор.

Яке кафшгар буд мӯзафурӯш,
Ба гуфтори ӯ паҳн бикшод гӯш.

«Дирам чанд бояд?»- бад-ӯ гуфт мард,
Диловар[2] шумори дирам ёд кард.

Чунин[3] гуфт, к-«Эй пурхирад моядор,
Чиҳил мар дирам ҳар маре[4] сад ҳазор».

Бад-ӯ кафшгар гуфт, к- «Ин ман диҳам,
Сипосе зи ганҷур бар сар[5] ниҳам».

Биёвард каббону[6] сангу дирам,
Набуд ҳеҷ дафтар ба кори[7] қалам.

Чу бозоргонро дирам сахта шуд,
Фиристода аз кор пардахта шуд.

Бад-ӯ кафшгар гуфт, к- «Эй хубчеҳр,
Наранҷӣ, бигӯӣ ба Бузарҷмеҳр,

Ки андар замона маро кӯдакест,
Ки бозори ӯ бар дилам хор нест.

Бигӯӣ магар шаҳрёри чаҳон
Маро шод гардонад андар ниҳон

1. ИЛ – наздик
2. И – Фаришта
3. И – Бад-ӯ.
4. Л – марру ҳар мар аз ӯ
5. Л–худ
6. И – қаббону; Л – қаппону
7. ИЛ – кору

www.sattor.com

Ки ӯро супорам ба фарҳангиён,
Ки дорад сари[1] мояву ҳанги он».

Фиристода гуфт: «Ин надорам ба ранҷ,
Ки кӯтоҳ кардӣ маро раҳ ба ганҷ».[2]

Биёмад бари шоҳ Бузарҷмеҳр,
Бар он хоста шод букшод чеҳр.

Чунин гуфт: «Аз он пас, ки Яздон сипос,
Ки ҳастам чунин[3] поку яздоншинос,

Ки дар кишвари ман[4] яке мӯзадӯз
Бад-ин гуна шод асту гетифурӯз,

Ки чандин ниҳода дирам бошадаш,
Мабодо, ки аз мо ситам бошадаш.

Нигар, то чи дорад кунун орзуй,[5]
Бимонод бар мо[6] ҳамин рою хӯй.[7]

Чу вомаш битӯзӣ, дирам сад ҳазор
Бидеҳ, то бидорад зи мо ёдгор.

Ҳама зердастон тавонгар шаванд,
Ҷаҳонҷӯву ботахту афсар шаванд.

Мабод эч[8] бедодгар шаҳрёр,
Дурафшон бувад шоҳу[9] беҳрӯзгор!»

Ба шоҳи ҷаҳон гуфт Бузарҷмеҳр,
Ки «Эй шоҳи некахтари хубчеҳр,

Яке орзу кард мӯзафурӯш,
Агар шоҳ дорад ба гуфтор гӯш.[10]

1. И – сару
2. ТПЗ – Биёмад бари шоҳи Эрон ба шаб,
   В-аз он кафшгар низ букшод лаб.
3. Л – Мабодам, магар
4. Л – мо
5. Л – орзу,
6. Л – Бимонад ба мо-бар
7. Л – хӯ.
8. Л – Мабодо, ки
9. Л – Бувад шоду бар тахту
10. И – б. 4248–4258 нест.

www.sattor.com

Фиристода гуфто, ки «Ин мард гуфт,
Ки шоҳи ҷаҳон бо хирад бод ҷуфт.

Яке пур дорам расида ба ҷой,
Ба фарҳанг ҷӯяд ҳаме раҳнамой.

Агар шоҳ бошад бад-ин дастгир,
Ки ин покфарзанд гардад дабир,

Ба Яздон бихоҳам ҳаме ҷони шоҳ
Ки ҷовид бод ин сазовори гоҳ».[1]

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй хирадманд мард,
Чаро дев чашми туро хира кард.

Бар ӯ ҳамчунон бозгардон шутур,
Мабодо, к-аз ӯ сим хоҳему дур.

Чу бозоргонбачча[2] гардад дабир,
Ҳунарманду бодонишу ёдгир,

Чу фарзанди мо барнишинад ба тахт,
Дабире бибояд-ш пирӯзбахт.

Ҳунар ёбад аз марди мӯзафурӯш,
Супорад бад-ӯ чашми бинову гӯш.

Ба дасти хирадманд марди нажод
Намонад ҷуз аз[3] ҳасрату сардбод.

Шавад пеши ӯ хор мардумшинос,
Чу посух диҳад, зуд ёбад сипос.[4]

Ба мо-бар пас аз марг нафрин бувад,
Чу оини ин рӯзгор ин бувад.

Нахоҳем рӯзӣ бад-он ганҷ дод,
Дирам з-ӯ махоҳу макун ранҷ ёд.

1. Л – б. 4262 нест.
2. И – Ки чун кафшгарзода
3. ИЛ – ба ҷуз
4. И – б. 4269 нест.

www.sattor.com

Ҳам акнун шутур бозгардон зи роҳ,
Дирам хоҳу аз мӯзадӯзон маҳоҳ».

Фиристода баргашту шуд бодирам,
Дили кафшгар з-он дирам пур зи ғам.

ОМАДАНИ ФИРИСТОДАГОНИ ҚАЙСАР НАЗДИ НӮШИНРАВОН БО ПӮЗИШ ВА НИСОР

Шаб омад, дижам[1] шуд зи гуфтор шоҳ,
Хурӯши ҷарас хост аз боргоҳ.

Талоя пароканд бар гирди дашт,
Ҳама шаб ҳаме гирди лашкар бигашт.

Зи моҳӣ чу хуршед бинмуд тоҷ,
Барафганд хилъат заминро зи оҷ.

Талоя чу гашт аз лаби канда боз,
Биёмад бари шоҳи гарданфароз.

Ки пайғоме аз Қайсар омад ба шоҳ,
Пур аз дарду пӯзишкунон аз гуноҳ.[2]

Фиристода омад ҳамон гаҳ давон
Ситоишкунон пеши Нӯшинравон.[3]

Чу румӣ сару тоҷи Кисро бидид,
Яке боди сард аз ҷигар баркашид.

Ба дил гуфт, к-инат сазовор шоҳ
Ба шоҳиву мардиву чандин сипоҳ.

В-аз он файласуфони румӣ чиҳил,
Забон пур зи гуфтору пурбод[4] дил.

Зи динор бо ҳар яке сӣ ҳазор
Нисор овариданд зӣ[5] шаҳрёр.

1. ИЛ – ғамӣ.
2. Л – б. 4278 нест.
3. И – б. 4279 нест.
4. И – баркушоданд ҳушёр
5. И – бар

www.sattor.com

Чу диданд ранги рухи[1] шаҳрёр,
Бирафтанд гирёну[2] печон чу мор.

Шаҳаншоҳ чун дид, бинвохтшон,
Ба оин яке пойгаҳ сохтшон.

Сухан гуфт гӯяндаи пешрав,
Ки «Эй шоҳ, Қайсар ҷавон асту нав.

Падар мурдаву носипарда ҷаҳон,
Надонад ҳаме ошкору ниҳон.

Ҳама сарбасар бождори туем,
Парастору дар зинҳори туем.

Туро[3] Рум Эрону Эрон чу Рум,
Ҷудоӣ чаро бояд ин марзу бум.

Чи хоқони чинӣ, чи дар Ҳинд шоҳ,
Ҳаме аз ту доранд тахту кулоҳ.[4]

Хирад дар замона шаҳаншоҳрост,
К-аз ӯ дошт Қайсар ҳаме пушт рост.

Агар кӯдаке норасида ба ҷой,
Сухан гуфт бедонишу раҳнамой.

Надорад шаҳаншоҳ аз ӯ кину дард,
Ки шод аст аз ӯ гунбади ложвард.

Ҳама[5] божи Рум, он чи буд аз нахуст,
Супорему аҳде биёяд дуруст».

Бихандид Нӯшинравон з-он сухун,
Ки марди фиристода афканд бун.

Бад-ӯ гуфт: «Гар номвар кӯдак аст,
Хирад бо сухан назди ӯ андак аст.

1. И – точу сари; Л – тозарухи
2. И – бар хок
3. И – ки шуд
4. Л – Якояк парастанд ин тоҷу гоҳ.
5. ИЛ – Ҳамон

www.sattor.com

Чи Қайсар, чи он бехирад Ботрун,
Замонаш равонро гирифта забун.

Ҳама ҳушмандони искандарӣ
Гирифтанд пирӯзиву бартарӣ.[1]

Касе, к-ӯ бигардад зи фармони мо,
Бупечад дил аз рою паймони мо,

Аз ободбумаш барорем хок,
Зи ганҷу зи лашкар надорем бок».

Фиристодагон хок доданд[2] бӯс,
Чунон чун бувад мардуми чоплус,

Ки «Эй шоҳи пирӯзи бартарманиш.
Зи кори гузашта макун сарзаниш.

Ҳама сарбасар хоки ранҷи туем,
Ҳама посбонони ганҷи туем.

Чу хушнуд гардад зи мо шаҳрёр,
Набошем нокому бадрӯзгор.[3]

Зи ранҷе, ки эдар шаҳаншоҳ бурд,
Ҳама румиён он надоранд хурд.

Зи динор пур карда даҳ чарми гов,
Ба ганҷи ту орем аз баҳри[4] сов.

Ба каммиву бешиш фармон равост,
Пазирӣ зи мо, гарчи ин носазост».[5]

Чунин дод посух, ки «Аз кори ганҷ
Ҷаҳондида[6] дастур бошад ба ранҷ».

Ҳама румиён пеши мӯбад шуданд,
Хурӯшону бо ахтари бад шуданд.

---

1. И –Сутургӣ гирифтанду кундоварӣ.
2. ИЛ – доданд
3. И – Ҳама шод гардему беҳрӯзгор.
4. Л – ганҷ оварем аз дари божу
5. И – б. 4307 нест.
6. И – Сарафроз

www.sattor.com

Фаровон зи ҳар дар сухан ронданд,
Ҳама рози Қайсар бар ӯ хонданд.

Зи динор гуфтанду аз гову пӯст,
Зи коре, ки ороми Рум андар ӯст.

Чунин гуфт мӯбад: «Агар зар диҳед,
Зи дебо чӣ моя бар он сар ниҳед?

Ба ҳангоми баргаштани шаҳрёр
Зи зебои зарбафт бояд ҳазор,

Ки хилъат бувад шоҳро ҳар замон,
Чи бо кеҳтарону чи бо меҳтарон».

Бар ин барниҳоданду гаштанд боз,
Ҳама пок бурданд пешаш намоз.

Бибуд шоҳ чанде бад-ин размгоҳ,
Чу осуда шуд шаҳрёру сипоҳ.

Зи лашкар яке мард бугзид гурд,
Ки донад шумору навишту сутурд.[1]

Сипоҳӣ бад-ӯ дод то божи Рум
Бихоҳад,[2] супорад ба ободбум.

В-аз он ҷо биёмад сӯи Тайсафун,
Сипоҳӣ паси пушту пеш- андарун.

Ҳама яксар обод бо симу зар,
Ба симин ситому ба заррин камар.

Зи бас парниёнӣ дирафши сарон,
Ту гуфтӣ ҳаво шуд магар парниён.

Дару дашт, гуфтӣ, ки заррин шудаст,
Камарҳои[3] гавҳар чу Парвин шудаст.

---

1. ТП – Ба паймон бидонад дирам хостан,
Чу ҷанг уфтад, лашкар оростан.
2. ИЛ – Ситонад,
3. ИЛ – Камарҳо зи

www.sattor.com

Чу наздики шаҳр андаромад зи роҳ,
Пазира шудандаш фаровон[1] сипоҳ.

Ҳама пеши Кисро пиёда шуданд,
Камар баставу дил кушода буданд.

Ҳар он кас, ки паймуд бо шоҳ роҳ,[2]
Пиёда бишуд[3] то дари боргоҳ.

Ҳама меҳтарон хонданд офарин
Бад-он шоҳи бедори боофарин.

Ҳар он, к-ӯ буд аз мӯбадон номдор,
Бар ӯ кард ёқуту гавҳар нисор[4].

Чу танг андаромад ба ҷои нишаст,
Ба ҳар меҳтаре[5] шоҳ бинмуд даст.

Бирафтанд гурдон ба ороми хеш,
Барафрохта дар ҷаҳон номи хеш.[6]

ГУФТОРИ НӮШИНРАВОН АНДАР ВАЛИАҲД КАРДАН ПИСАРИ ХУД ҲУРМУЗДРО

Ҷаҳонҷӯй деҳқони омӯзгор
Чӣ гуфт андар ин гардиши рӯзгор,[7]

Ки рӯзе фароз асту рӯзе нишеб,
Гаҳе бо хиромему гаҳ бо ниҳеб.

Саранҷом бистар бувад тира хок,
Якеро фарозу якеро мағок.

Нишоне надорем аз ин рафтагон,
Ки бедору шоданд, агар хуфтагон.

1. И – саросар
2. И – Пиёда бирафтанд дар пеши шоҳ.
3. И – Бузургон ҳама
4. ИЛ – б. 4327 нест.
5. И – Бад-он меҳтарон
6. Л – б. 4329 нест;
ТПЛМ – Сар омад сухан гуфтани мӯзадӯз,
Зи моҳи муҳаррам гузашта се рӯз.
7. ТПЗИ – Ки ҷону дил андар сипанҷӣ сарой,
Набандад хирадёфта некрой.

www.sattor.com

Бад-ин гетӣ арчандашон барг нест.
Ҳамон орзумандии марг нест.

Агар сол сад бошад, ар бисту панҷ,
Яке шуд, чу ёд ояд аз рӯзи ранҷ.[1]

Чи он кас, ки гӯяд хиром асту ноз,
Чӣ гӯяд, ки дард асту ранҷу ниёз.

Касеро надидам ба марг орзуй,
Зи бероҳу аз мардуми некхӯй.

Чи динӣ, чи Оҳармани бутпараст,
Зи марганд бар сар ниҳода ду даст.

Чу солат шуд, эй пир, бар шасту як,
Маю ҷому ором шуд бенамак.[2]

Ба гоҳи басечидани марг май
Чу пероҳани шаър бошад ба дай.

Фасурда тан андар миёни гуноҳ,
Равон сӯи фирдавс гум карда роҳ.

Зи ёрон басе монду чанде гузашт,
Ту бо ҷом ҳамроҳ монда ба дашт.

Ба оғоз агар кори худ нангарӣ,
Ба фарҷом ночор кайфар барӣ.[3]

Машав шодмон, ар бадӣ кардаӣ,
Ки озурда гардӣ, гар озурдаӣ.

Ба охир туро рафтан ояд, бидон,
Агарчанд эдар буви солиён.

Бияфзой некӣ ту, то эдарӣ,
Ки гардӣ аз он шод, чун бугзарӣ.

---

1. И –б. 4331–4335 нест.
2. ТПЛМ – Набандад дил андар сипанҷӣ сарой
Хирадёфта мардуми покрой.
3. ТПЗ – Зи бад кардан ояд ба ҳосил зиён,
Агар бад кунӣ, ғам барӣ аз ҷаҳон.

www.sattor.com

Зи гуфтору кирдор ин рӯзгор
Зи мо монад андар ҷаҳон ёдгор.[1]

Замон хоҳам аз кирдгори замон,
Ки чандон[2] бимонад дили[3] шодмон,

Ки ин достонҳову чандин сухан
Гузашта бар ӯ солу гашта куҳан,

Зи ҳангоми Гулшоҳ[4] то Яздгирд
Зи гуфти ман ояд пароканда гирд.

Бипайвандаму боғ бехав кунам,
Суханҳои шоҳаншаҳон нав кунам,

Ҳамоно, ки дилро надорам ба ранҷ,
Агар бугзарам з-ин сарои сипанҷ.

Чӣ гӯяд кунун марди равшанравон,
Зи ройи ҷаҳондор Нӯшинравон.[5]

Чу сол андаромад ба ҳафтоду чор,
Пурандешаи марг шуд шаҳрёр.

Ҷаҳонро ҳаме кадхудое биҷуст,
Ки пироҳани дод ҷӯяд[6] нахуст.

Дигар, к-ӯ ба дарвеш-бар меҳрубон
Бувад низ беранҷу равшанравон.

Писар буд мар ӯро[7] гаронмоя шаш,
Ҳама роду бинодилу шоҳваш.[8]

Ба мардиву парҳезу фарҳангу рой,
Ҷавонони[9] бодонишу дилкушой.

1. ИЛ – б. 4343–4347 нест.
2. Л –чанде
3. ИЛ –дилам
4. Л –Кайшоҳ; И – гоҳи Каюмарс
5. И – ҷаҳонҷӯй Нӯширвон.
6. ИЛ –пӯшад
7. Л – буд ӯро
8. Л – шоҳфаш.
9. И – Ҳама пок

www.sattor.com

Аз эшон хирадманду меҳтар ба сол,
Гаронмоя Ҳурмузд буд беҳамол.

Сарафрозу бодонишу хубчеҳр,
Бар озодагон-бар бигустурда меҳр.

Бифармуд Кисро ба корогаҳон,
Ки ҷӯянд рози вай андар ниҳон.

Нигаҳ доштандӣ ба рӯзу ба шаб,
Агар достонро кушодӣ ду лаб.

Зи коре, ки кардӣ бадӣ, ё беҳӣ,
Расидӣ ба шоҳи ҷаҳон огаҳӣ.

Ба Бузарҷмеҳр он замон шоҳ гуфт,
Ки «Коре ҳаме доштам дар нуҳуфт,

Зи ҳафтод чун солиён баргузашт,
Сару риши мушкин чу кофур гашт.

Чу ман бугзарам з-ин сипанҷӣ сарой,
Ҷаҳонро бибояд яке кадхудой,

Ки бахшоиш орад ба дарвеш- бар,
Ба бегонаву мардуми хеш- бар.

Бубахшад, бипарҳезад аз меҳри ганҷ,
Набандад дил андар сарои сипанҷ.[1]

Сипосам ба Яздон, ки фарзанд ҳаст
Хирадманду донову эзадпараст.

В-аз эшон ба Ҳурмузд нозонтарам,
Ба рою ба ҳушаш фурӯзонтарам.

Зи бахшоишу бахшишу ростӣ
Набинам ҳаме бар дилаш костӣ.

Ҳамеша ба некӣ бувад ройи ӯй,
Абар гоҳи шоҳон сазад ҷойи ӯй.[2]

1. ТПМ – Наронад сухан ҷуз ба рою ба дод,
Ҳамеша хирадманду некӯниҳод.
2. ИЛ – б. 4372 нест.

www.sattor.com

Кунун мӯбадону радонро бихоҳ,
Касе, к-ӯ кунад сӯи дониш нигоҳ.

Ба дониш варо озмоиш кунед,
Ҳунар бар ҳунар-бар физоиш кунед.

ПУРСИШИ МӮБАДОН АЗ ҲУРМУЗД ВА ПОСУХ ДОДАНИ Ӯ

Шуданд андар он мӯбадон анҷуман,[1]
Зи ҳар дар пажӯҳандаву ройзан.[2]

Ҷаҳонҷӯй Ҳурмуздро хонданд,
Бари номдорон-ш биншонданд.

Нахустин сухан гуфт Бузарҷмеҳр,
Ки «Эй шоҳи некахтару[3] хубчеҳр,

Чӣ донӣ, к-аз ӯ пок ҷону хирад
Шавад равшану колбад бар хӯрад?»

Чунин дод посух, ки «Дониш беҳ аст,
Ки доно бари меҳтарон - бар меҳ аст.

Ба дониш бувад мардро эманӣ,
Бубандад зи бад дасти оҳарманӣ.

Дигар бурдбориву бахшоиш аст,
Ки танро бад-ӯ ному ороиш аст».[4]

Бипурсид, к- «Он чӣ бувад судманд,
Кадом асту мард аз чӣ гардад баланд?»[5]

Чунин дод посух, ки «Он, к-аз нахуст
Ба неку бад озарми ҳар кас биҷуст,

---

1. И – анҷуман мӯбадон,
2. И – бихрадон.
3. Л – некахтари
4. ТПИМ – Фурӯтан се дигар касу додгар
Шикебову ҷӯёи дину ҳунар.
5. и – б. 4382 нест;
Л – Бипурсид аз ӯ, гуфт: «Мард арҷманд
Бигӯ, аз чӣ гардад, чу гардад баланд?»

www.sattor.com

Бикӯшид[1] то бар дили ҳар касе
Аз ӯ ранҷ бурдан[2] набошад басе.

Се дигар ба гетӣ ҳар он[3] кас, ки дод
Бидод, аз тани худ ҳам ӯ буд шод».

Нигаҳ кард пурсанда[4] Бузарҷмеҳр
Бад-он меҳтари покдил,[5] хубчеҳр.

Бад-ӯ гуфт: «Аз гуфтанӣ ҳарчӣ ҳаст
Бигӯям, ту бишмар якояк ба даст.

Саросар ҳама пурсишам ёд гир,
Ба посух ҳама дод бунёд гир.[6]

Суханро магардон пасу пеш ҳеч,
Ҷавонмардиву дод додан басеч.

Агар ёд гирӣ чунон бегумон,
Кушодаст бар ту дари осмон,

Ки чандин ба гуфтор биштофтам,
Зи гӯянда посух фузун ёфтам.

Ҷаҳондор омӯзгори ту бод,
Хирад равшану бахт ёри ту бод!

Кунун ҳар чӣ донам, бипурсам зи дод,
Ту посух кунам, з-он чи ояд-т ёд.

Ба посух хирадманд пайдо шавад,
Ба ҳар орзу-бар тавоно бувад.

Сухан ҳамчу қуфл асту посух калид,
Ба посух бад аз нек ояд падид.[7]

Зи фарзанд, гӯ, бар падар арҷманд
Кадом аст шоиставу бегазанд?

---

1. И – Аз он кӯш
2. И – Зи ту ранҷу андӯҳ
3. Л – Чунин дод посух, ки ҳар
4. И – гӯянда
5. И – покдил меҳктари
6. И – б. 4388 нест.
7. ИЛ –б. 4394, 4395 нест.

www.sattor.com

Ба бахшоиши дил сазовор кист,
Ки бар дарди ӯ- бар бибояд гирист?

Зи кирдори некӣ пушаймон кирост,
Ки дил бар пушаймонии ӯ гувост?

Сазо кист, к-ӯро накӯҳиш кунем,
Зи кирдори ӯ чун пажӯҳиш кунем?

Зи гетӣ куҷо беҳтар ояд гурез,
Ки хезад аз ороми ӯ растахез?

Бад-ин рӯзгор аз кӣ бошем шод,
Гузашта чӣ беҳтар, ки гирем ёд?

Замона, ки онро бибояд ситуд,
Кадом асту мо бар[1] чӣ дорем суд?

Гаронмоятар кист аз дӯстон,
К-аз овози ӯ дил бувад[2] бӯстон?

Киро бештар дӯстон дар[3] ҷаҳон,
Ки шоданд аз ӯ[4] ошкору ниҳон?[5]

Ҳамон низ душман киро бештар,
Ки бошанд бар вай[6] бадандештар?

Сазовори ором ҷустан кучост,
Ки дорад ҷаҳондор з-ӯ пушт рост?

Зи гетӣ зиёнкортар кор чист,
Ки бар кардаи худ бибояд гирист?

Зи чизе, ки мардум ҳаме парварад,
Чӣ чиз аст, к-он зудтар бугзарад?

Ситамгора, к-аш назди ӯ шарм нест,
Кадом аст, к-аш меҳру озарм нест?

1. И – аз
2. Л –шавад
3. Л –дӯст андар
4. Л – ки бояд бад-ӯ
5. И – б. 4403, 4404 нест.
6. ИЛ –бошад бар ӯ-бар

www.sattor.com

Табоҳӣ ба гетӣ зи гуфтори кист,
Дили дӯстон пур зи озори кист?

Чӣ чиз аст, к-он нанг пеш оварад,
Ҳамон бад зи гуфтори хеш оварад?»[1]

Ба як рӯз то шаб баромад зи кӯҳ,
Зи гуфтор доно наёмад сутӯҳ.

Чу ҳангоми шамъ омад аз тирагӣ,
Сари меҳтарон тира аз хирагӣ.[2]

Зи гуфтори ӯ чун ғамӣ гашт шоҳ
Ҳаме кард хомуш ба посух нигоҳ.

Гаронмоя Ҳурмузд бар пой хост,
Яке офарин кард бар шоҳ[3] рост,

Ки аз шоҳ гетӣ мабодо тиҳӣ,
Ҳаме бод бар тахти шоҳаншаҳӣ!

Мабодо, ки бе ту бубинем тоҷ,
Гар оини шоҳиву гар тахти оҷ.

Сиришти ҷаҳон пеши ту хок бод,
Газанди туро чарх тарёк бод!

Сухан ҳарчи ӯ гуфт, посух диҳам,
Бад-ин орзу ройи фаррух ниҳам.

Зи фарзанд пурсид доно сухун,
Аз ӯ боядам посух афканд бун.

Зи фарзанд бошад падар шоддил,
Зи ғамҳо бад-ӯ дорад озод дил.

Агар меҳрубон бошад ӯ бар падар,
Ба некӣ гирояндаву додгар,

Дигар он ки бар ҷои бахшоиш аст,
Бар ӯ муждаро ҷои полоиш аст.

1. И – б. 4410, 4411 нест.
2. И –б. 4413 нест.
3. Л – Биёрост бо шоҳ гуфтори

www.sattor.com

Бузурге, ки бахташ пароканда гашт,
Ба пеши яке носазо банда гашт,

Зи кори вай, ар хун хурӯшӣ, равост,
Ки нопорсое бар ӯ подшост.

Дигар ҳар кӣ бо мардуми носипос
Кунад некуӣ, монад андар ҳарос.

Ҳар он кас, ки некӣ фаромуш кунад,
Хирадро бикӯшад, ки беҳуш кунад.[1]

Дигар гуфт, к- «Орому роҳи гурез
Гирифтан, куҷо хубтар аз ситез.

Ба шаҳре, ки бедод шуд подшо,
Надорад хирадманд будан раво.

Зи бедодгар шоҳ бояд гурез,
К-аз ӯ хезад андар ҷаҳон растахез.[2]

Чу гӯяд, ки донӣ, ки шодӣ бад-ӯст,
Бародар бувад ё дилором дӯст.

Дигар он ки пурсад ки кори замон,
Замоне, к-аз ӯ гум шавад бадгумон.

Раво бошад, арчанд бистоияш,
Ҳам андар ситоиш бияфзоияш».[3]

Дигар он ки пурсид аз марди дӯст,
Зи ҳар дӯсте ёрмандӣ накӯст.

Тавонгар бувад, чодари ӯ бипӯш,
Чу дарвеш бошад, ту бо ӯ бикӯш.[4]

Касе, ки фурӯтантару родтар,
Дили дӯстонаш бад-ӯ шодтар.

1. Л – б. 4427 нест.
2. Л – б. 4429, 4430 нест.
3. И –б. 4432, 4433 нест.
4. И – 4435 нест.

www.sattor.com

Дигар он ки пурсад, ки «Душман кирост,
К-аз ӯ дил ҳамеша ба дарду балост?

Ки[1] густох бошад забонаш ба бад,
Зи гуфтор ӯ душман ояд, сазад».

Дигар он ки пурсад, ки «Душхор чист,
Ба озор[2] дилро пурозор чист?

Чу бадгӯву бадсоз бо ӯ нашаст,
Яке зиндагонӣ бувад чун кабаст».

Дигар он ки гӯяд: «Гуво кист рост,
Ки чону хирад бар гувояш[3] гувост?»

Беҳ аз озмоиш набошад[4] гуво,
Гувои сухангӯву фармонраво.

«Зиёнкортар чиз,– гуфто, ки-чист,
Ки фарҷом аз он бад бибояд гирист?»

Чу чира шавад бар дилат-бар ҳаво,
Ҳаво бугзарад ҳамчу боди ҳаво.[5]

Пушаймонӣ ояд ба фарҷом зуд,
Гули орзуро нашояд пасуд.

Дигар он ки гӯяд, ки «Гардонтар аст,
Ки гар[6] пой ҷӯям, ба дастам сар аст?»

«Чунин дӯсте марди нодон бувад,
Сиришташ баду рой гардон[7] бувад».

Дигар он ки гуфто:[8] «Ситамгора кист,
Бурида дил аз шарму бечора кист?»

1. И – Чу
2. М– Бе озор
3. Л – гувобар
4. Л –надидам
5. Л – б. 4453, 4454 нест.
6. Л – чун
7. Л – Сиришти бадорои кайҳон.
8. Л –гӯяд; И – гуфтӣ:

www.sattor.com

«Чу кажжӣ кунад мард, бечора хон,
Чу бешармӣ[1] орад, ситамгора хон.

Ҳар он кас, ки ӯ пеша гирад дурӯғ,
Ситамгорае хонамаш бефурӯғ».

«Табоҳӣ,–ки гуфтӣ,[2]–зи гуфтори кист,
Беозору пурдарду озор[3] кист?»

«Суханчину дурӯя бекор мард,
Дили ҳушёрон кунад пур зи дард».

Бипурсид доно, ки «Айб аз чӣ беш,
Ки бошад пушаймон зи гуфтори хеш?»

«Ҳар он кас, ки ронад сухан аз[4] газоф,
Бувад бар сари анҷуман марди лоф.

Ба гоҳе ки танҳо бувад дар нуҳуфт,
Пушаймон шавад з-он суханҳо, ки гуфт.

Ҳам андар замон чун кушояд сухан,
Ба пеш орад он лофҳои куҳан.

Ҳунарманд бо мардуми беҳунар,
Кас аз озмоиш наёбад гузар».[5]

Ҳама пурсиш ин буду посух ҳамин,
Ки бар шоҳ бод аз ҷаҳон офарин.[6]

Забонҳо ба фармон-ш гӯянда бод,
Дили роди ӯ шоду ҷӯянда бод!

Шаҳаншоҳ Кисро бад-ӯ хира монд,
Басе офарини каёнӣ бихонд.

Зи гуфтори ӯ анҷуман шод гашт,
Дили шаҳрёр аз ғам озод гашт.

1. И –бекорӣ
2. Л – Табоҳии гетӣ
3. Л – Беозортар дардозор
4. ИЛ – бар
5. Л – офариниш нагирад қадар.
6. И – бодо ҳазор офарин.

www.sattor.com

Набиштанд аҳде ба фармони шоҳ,
Ки Ҳурмуздро дод тахту кулоҳ.

Чу Қиртоси чинӣ шуд аз бод хушк,
Ниҳоданд мӯҳре бар ӯ-бар зи мушк.

Ба мӯбад супурд он ба пеши радон
Сарафрози[1] бедордил бихрадон.

Бипайвандам ин аҳди Нӯшинравон
Ба пирӯзии шаҳрёри ҷаҳон.[2]

АҲД НАВИШТАНИ НӮШИНРАВОН ПИСАРИ ХУД ҲУРМУЗДРО

Ҷаҳонро намоиш чу кирдор нест,
Ниҳонаш ба ҷуз[3] ранҷу тимор нест.

Агар тоҷ дориву гар гурму[4] ранҷ,
Ҳамон бугзарӣ з-ин сарои сипанҷ.[5]

Яке номаи шаҳрёри ҷаҳон,[6]
Нигар, то ки бошад чу Нӯшинравон.

Ба доду ба рою ба базму ба ҷанг,
Чу рӯзаш сар омад, набудаш диранг.

Ту, эй пири фартут, бетавба мард,
Хирад гиру аз базму шодӣ бигард.

Ҷаҳон тоза шуд, чун қадаҳ ёфтӣ,
Равон аз дари[7] тавба бартофтӣ.[8]

Агар бихрадӣ, сӯи тавба гирой,
Ҳамеша бувад покдин, покрой.

1. ИЛ –Сарафрозу
2. Л –ҷавон.
3. Л – ҷуз аз
4. Л–дорӣ, агар дарду
5. ТП – Ҷахонро вафо нест андар сиришт,
Ба зудӣ бихоҳад дуруд, он чи кишт.
6. ЗИЛ – шаҳрёрон бихон,
7. И – раҳи
8. Л – Равонро зи тавба чаро тофтӣ?

www.sattor.com

Пас аз пирият рӯзгорон намонд,
Тамузу харифу баҳорон намонд.

Аз он пас, ки тан ҷой гирад ба хок,
Нигар, то куҷо бошад ин ҷони пок.[1]

Чӣ гуфт он сарояндаи солх(в)ард,
Чу андарзи[2] Нӯшинравон ёд кард.

Суханҳои Ҳурмузд чун шуд ба бун,
Яке нав пай[3] афканд мӯбад сухун.

Ҳамовоз[4] шуд[5] ройзан бо дабир,
Набиштанд пас номае бар ҳарир.

Дилорой аҳде зи[6] Нӯшинравон
Ба Ҳурмузди носолхӯрда ҷавон.

Сари нома аз додгар кард ёд,
Дигар гуфт, к- «Ин панди пури Қубод.[7]

Бидон, эй писар, к-ин ҷаҳон бевафост,
Пур аз ранҷу тимору дарду балост.[8]

Ҳар он гаҳ ки бошӣ бад-ӯ шодтар,
Зи ранҷи замона дил[9] озодтар.[10]

Ҳама[11] шодмонӣ намонад[12] ба ҷой,
Бибояд шудан з-ин сипанҷӣ сарой.

---

1. ИЛ – б. 4472, 4474 нест.
2. Л – Ҳам эдар зи
3. Л –навбун
4. Л–Ҳамовой
5. И – Ба фармони шаҳ
6. Л – бо аҳди
7. ТПЗ – Накӯ бишнаву бар дилат нақш кун,
   Магар зинда монад дилат з-ин сухун.
8. ТПМ – Ба хун- бар диҳад, ҳар киро парварад,
   Бипарҳезад аз кори ӯ пурхирад.
9. И–ранчу зи ғам бод
10. Л–беозодтар.
11. И –Ҳамон
12. Л –бимонӣ

www.sattor.com

Ҷаҳон чун супорам туро ман ба дод,
Ҳамон дигареро бибояд-т дод.[1]

Чу андешаи рафтан ояд[2] фароз,
Ба рахшандарӯзу шаби дербоз.

Биҷустем тоҷи кайиро саре,
Ки бар ҳар саре бошад ӯ[3] афсаре.

Хирадманд шаш буд моро писар,
Дилафрӯзу бахшандаву додгар.

Туро баргузидам, ки меҳтар будӣ,
Хирадманду зебои афсар будӣ.

Ба ҳаштод-бар буд соли[4] Қубод,
Ки дар подшоҳӣ маро кард ёд.

Кунун ман расидам ба ҳафтоду[5] чор,
Туро кардам андар ҷаҳон ёдгор.[6]

Ҷуз орому хубӣ наҷустам бад-ин,
Ки бошад пас аз марги ман офарин.

Умедам чунон аст, к-аз кирдгор
Ки бошӣ ҳаме[7] шоду беҳрӯзгор.

Гар эмин кунӣ дудмонро ба дод,
Худ эмин бихуспиву аз дод шод.

Ба подоши некӣ биёбӣ биҳишт,
Бузург он ки ҷуз тухми некӣ накишт![8]

Нигар, то набошӣ ба ҷуз бурдбор,
Ки тезӣ на хуб ояд аз шаҳрёр.

1. ИЛ – б. 4483 нест.
2. ИЛ – омад
3. Л–он
4. Л – пойи
5. Л –хаштоду.
6. ИЛ – шахрёр.
7. ИЛ – набошӣ ҷуз аз
8. Л – ӯ тухми некӣ бикишт.

www.sattor.com

Ҷаҳондори бедори фарҳангҷӯй
Бимонад ҳамасола боობрӯй.

Ба гирди дурӯғ эч гуна магард,
Чу гардӣ, бувад[1] бахтро рӯй зард.

Дилу мағзро дур дор аз шитоб,
Хирад бо шитоб андарояд ба хоб.

Ба некӣ[2] горою ба некӣ бикӯш,
Ба ҳар неку бад панди доно нию́ш.

Набояд, ки гардад ба гирди ту бад,
Ки аз бад туро бегумон бад расад.

Ҳама пок пӯшу ҳама пок х(в)ар,
Ҳама пандҳо ёд гир аз падар.

Ба Яздон паноҳу[3] ба Яздон гирой,[4]
Чу хоҳӣ, ки бошад туро раҳнамой.

Ҷаҳонро чу обод дорӣ ба дод,
Бувад ганҷат ободу тахти[5] ту шод.

Чу некӣ намоянд, подош кун,
Ҳамон то шавад ранҷи некӣ[6] куҳун.

Ҳунармандро шоду наздик дор,
Ҷаҳон бар бадандеш торик дор.

Ҳама[7] кор бо марди доно сигол,
Ба ранҷи тан аз подшоҳӣ манол.

Чу ёбад хирадманд назди ту роҳ,
Бимонад ба ту тахту ганҷу сипоҳ.[8]

1. Л – гӯӣ, шавад
2. Л – некон
3. ИЛ – гарою
4. ИЛ – кушой,
5. Л – тахт аз
6. Л - Мамон, то шавад ранҷи гетӣ
7. Л – Ба хар
8. И – кулоҳ.

www.sattor.com

Ҳар он кас, ки бошад туро зердаст,
Мафармой дар бенавоӣ нишаст.

Бузургону озодагонро ба шаҳр
Зи неки ту бояд, ки ёбанд баҳр.

Зи некӣ фурӯмояро дур дор,
Ба бедодгар мард магзор кор.

Ҳама гӯшу дил сӯи дарвеш дор,
Ғами кори ӯ чун ғами хеш дор.

Чу аз хештан номвар дод дод,
Ҷаҳон гашт аз ӯ шоду ӯ низ шод.

Бар арзониён ганҷ баста мадор,
Бубахшой бар марди парҳезгор.[1]

В-ар эдун ки душман шавад дӯстдор,
Ба шӯразамин тухми некӣ макор.

Агар панди моро шавӣ корбанд,
Ҳамеша бимонад кулоҳат баланд,

Ки некидиҳиш некхоҳи ту бод,
Хирад тахту давлат кулоҳи ту бод!

Мабодат фаромӯш гуфтори ман,
Агар дур монӣ зи дидори ман.

Сарат сабз боду дилат шодмон,
Танат поку дур аз бади бадгумон.

Ҳамеша хирад посбони ту бод,
Ҳама некӣ андар гумони ту бод!

Чу ман бугзарам з-ин ҷаҳони фарох,
Баровард бояд маро хуб[2] кох.

Ба ҷое, к-аз ӯ дур бошад гузар,
Напаррад бар ӯ каргаси тезпар.

1. Л –б. 4510–4513 нест.
2. ИЛ – баробар ду

www.sattor.com

Даре дур бар чарх, айвон баланд,
Ба боло бароварда чун даҳ каманд.

Набишта бар ӯ боргоҳи маро,
Бузургону ҷангӣ[1] сипоҳи маро.

Фаровон зи ҳар гуна афкандани,
Ҳам аз рангу бӯю пароканданӣ.

Ба кофур танро тавонгар кунед,
Зи мушк аз бари торак афсар кунед.

Ҳамон ҷомаи пок зарбафта[2] панҷ
Биёред нокордида зи ганҷ[3]

Бипӯшед бар мо ба расми каён,
Бар оини шоҳони Сосониён.[4]

Бисозед ҳам з-ин нишон[5] тахти оҷ,
Биёвехта аз[6] бари оҷ тоҷ.

Ҳама[7] ҳар чӣ заррин ба пеш андар аст,
Агар тосу ҷом аст, агар[8] миҷмар аст.

Гулобу маю заъфарон ҷом[9] бист,
Зи мушку зи кофуру анбар дувист,

Ниҳода ба дасти чапу дасти рост,
Зи фармон фузунӣ набояд, на кост.

Зи хун кард бояд тиҳигоҳ хушк,
Бад-ӯ- андар оганда кофуру мушк.

В-аз[10] он пас бароред даргоҳро,
Набояд, ки бинад касе шоҳро.

1. Л – Бузургиву доду
2. Л – зарбафт
3. Л –ранҷ.
4. Л – Мабандед ҳаргиз бадиро миён; И – некону арзониён.
5. Л – аз ин хам нишон
6. Л – Биёвезӣ андар
7. Л – Ҳамон
8. Л – ҷом асту агар
9. Л – ҷома
10. Л – Аз

www.sattor.com

Дигаргун бувад кори он боргоҳ,
Наёбад касе назди мо боз роҳ.

Зи фарзанду аз дудаи арҷманд,
Касе, к-аш зи марги ман ояд газанд,

4535 Биёсояд аз базму шодӣ ду моҳ,
Ки ин бошад оин пас аз марги шоҳ.

Сазад, гар ҳар он, к-ӯ бувад порсо,
Бигиряд бар ин номаи подшо,

Зи фармони Ҳурмузд бармагзаред,
Дами хеш бе ройи ӯ машмаред.

Фаровон бар он нома[1] ҳар кас гирист,
Пас аз аҳд як сол Кисро бизист[2].

---

1. И –Бад-он панду андарз
2. ТПЗ –
Дар ин сол як шаб ниёишкунон,
Ба хоб- андарун шуд ситоишкунон.
Чунон дид равшанравонаш ба хоб,
Ки дар шаб даромад яке офтоб.
Чиҳил пояи нардбон аз бараш,
Ки мерафт то авҷи кайвон сараш.
Баромад бар ин нардбон аз Ҳиҷоз,
Хиромон-хиромон ба кашшиву ноз.
Ҷаҳон қоф то қоф пурнур кард,
Ба ҳар ҷо, ки буд мотаме, сур кард.
Дар офоқ ҳар ҷо зи наздику дур
Набуд, к-он на аз фарри ӯ ёфт нур.
Ба ҳар ҷо, ки буд нур, наздик ронд,
Ҷуз айвони Кисро, ки торик монд.
Биҷаст он гаҳ аз хоб шаҳ ними шаб,
Ба кас-ба аз ин кор накшод лаб.
Чу бурқаъ барафканд аз чеҳр меҳр,
Бихондаш бари хеш Бузарҷмеҳр.
Ба доно шаҳаншоҳ андар нуҳуфт,
Зи хобе куҷо дида буд, бозгуфт.
Чу бишнид Бузарҷмеҳр он сухун,
Нигаҳ кард он хоб сар то ба бун.
Чунин гуфт, к- «Эй хусрави комрон,
Ҳамоно, ки розест андар ниҳон».
Бад-ӯ гуфт Хусрав, ки «Баргӯй рост,
К-аз андешагонам зи тан ҷон бикост».
Аз он пас чунин гуфт Бузарҷмеҳр,
Ки «Эй, ройи ту бартар аз моҳу меҳр,
Нигаҳ кардам ин хобро сарбасар
Ту андар ҷавобаш шигифтӣ нигар.
Аз ин рӯз- дар то чиҳил солу беш
Ниҳад марде аз тозиён пой пеш,

www.sattor.com

Бирафту бимонд ин сухан ёдгор,
Ту ин ёдгораш ба зинҳор дор.

Ки дар пеш гирад раҳи ростӣ,
Бупечад зи ҳар кажживу костӣ,
Ба ҳам барзанад дини Зардуштро,
Ба маҳ чун намояд сарангуштро.
Ба ду нима гардад зи ангушти ӯ,
Ба кӯшиш набинад касе пушти ӯ.
Ҷуҳуду Масеҳо намонад ба ҷой,
Дарорад ҳаме дини пешин зи пой.
Ба тахти сепоя барояд баланд,
Диҳад мар ҷаҳонро ба гуфтор панд
Чу ӯ бугзарад з-ин сарои сипанҷ,
Аз ӯ бозмонад ба гуфтор ганҷ.
Шавад з-ӯ ҷаҳон қарн то қарн шод,
Ҷуз айвони шаҳ к-он барояд ба бод.
Пас аз вай зи ту як набера бувад,
Ки бо пилу кӯсу табира бувад.
Сипоҳе битозад бар ӯ аз Ҳиҷоз,
Агарчи надорад силеҳу ҷиҳоз.
Зи тахт андарорад мар ӯро ба хок,
Зи гурдон кунад мар ҷаҳон ҷумла пок.
Бияфтад ҳама расми ҷашни Сада,
Шавад хокдон ҷумла Оташкада.
На оташ парастанду не офтоб,
Сари бахти гурдон дарояд ба хоб.
Ба Гуштосп, Ҷомосп худ гуфтааст,
Аз ин розу ин роҳ ӯ рафтааст».
Чу бишнид Кисро зи Бузарҷмеҳр,
Аз ин сон бигардидаш аз ранг чеҳр.
Ҳама рӯз бо дарду ғам буд ҷуфт,
Зи андеша чун шаб даромад, бихуфт.
Чунон шуд, ки аз шаб гузашта се пос,
Як овоз омад чунон пурҳарос,
Ки гуфтӣ ҷаҳон сарбасар гашт паст,
Пас он гах яке гуфт, к-«Айвон шикаст.
Баромад ҳаме шоҳро дил зи ҷой,
Надонист он корро сар зи пой.
Ба Бузарҷмеҳр он гаҳ овоз кард,
Зи тоқи шикаста пас оғоз кард,
Чу он дид доно, хам андар замон
Чунин гуфт, к-«Эй шоҳ, Нӯшинравон,
Ба хоб- андарун ҳарчӣ дидӣ ту дӯш,
Аз он мӯҳр имшаб баромад хурӯш.
Чунон дон, ки айвонат овоз дод,
Ки он моҳпайкар зи модар бизод.
Саворе расад ҳам кунун бо ду асп,
Ки барбод шуд кори Озаргушасп».
Дар ин буд, к-омад саворе чу гард,
Ки Озаргушасп ин замон гашт сард.

www.sattor.com

Чу бо ӯ ҷафо кард гардонсипеҳр,
Набояд, ки ҷӯӣ аз ӯ доду[1] меҳр.

Кунун тоҷу авранги Ҳурмуздшоҳ
Биёрояму барнишонам ба гоҳ.

Аз ин кор дил танг шуд шоҳро,
Ҳаме ҳар замон баркашид оҳро.
Бад-ӯ гуфт Бузарҷмеҳр он замон,
К-«Аз ии кор, шоҳо, чӣ бошӣ навон?
Замон чун туро аз ҷаҳон кард дур,
Пас аз ту ҷаҳонро чи мотам, чи сур?!»
Паси ин сухан шоҳ дере назист,
Бимурду бар ӯ-бар ҷаҳоне гирист,
Пас аз шаҳ ба як моҳ Бузарҷмеҳр
Бипӯшид дар пардаи хок чеҳр.

1. И–дорӣ ту з-ӯ гӯшу

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ ҲУРМУЗД

Чордаҳ сол буд

ОҒОЗИ ДОСТОН

Бихандид таммуз бо сурхсеб,
Ҳаме кард бо бору баргаш итеб,

Ки он дастаи гул ба вақти баҳор,
Ба мастӣ ҳаме доштӣ дар канор.

Ҳаме боди шарм омад аз ранги ӯй,
Ҳаме бӯи меҳр омад аз чанги ӯй.

Чи кардӣ, ки будат харидори он,
Куҷо ёфтӣ тез бозори он?

Акиқу забарҷад, ки додат ба ҳам,
Зи бори гарон шохи ту ҳам бахам[1]

Ҳамоно, ки гулро баҳо хостӣ,
Бад-он ранг руҳро биёростӣ.

Ҳаме ранги шарм ояд аз гарданат,
Ҳаме мушк бӯяд зи пероҳанат.

Магар ҷома аз муштарӣ бистадӣ,
Ба лӯлӯ-бар аз хун нуқат барзадӣ?

Забарҷад-т баргашту чармат бунафш,
Сарат бартар аз коваёнӣ дирафш.

Ба перояи зарду сурху сафед
Маро кардӣ аз барги гул ноумед.

Нигоро, баҳоро, куҷо рафтаӣ,
Ки ороиши боғ бинҳуфтаӣ?!

Ҳаме меҳргон бӯяд аз боди ту,
Ҳам аз ҷоми май нав кунам ёди ту.

---

1. М – ба кам

www.sattor.com

Чу рангат шавад зард, бистоямат,
Чу дайҳими Ҳурмуз биёроямат.

Гар имрӯз тез аст бозори ман,
Бубинӣ пас аз марг осори ман.

БАР ТАХТ НИШАСТАНИ ҲУРМУЗДШОҲ ВА АНДАРЗ КАРДАН БА САРДОРОН

Яке пир буд марзбони Ҳарӣ,
Писандидаву дида аз ҳар даре.

Ҷаҳондидае номи ӯ буд Мох,
Сухандону бо фарру бо баргу шох.[1]

Бипурсидамаш, то чӣ дорад ба ёд
Зи Ҳурмуз, ки биншаст бар тахти дод.

Чунин гуфт пири Хуросон, ки «Шоҳ
Чу биншаст бар номвар пешгоҳ,

Нахуст офарин кард бар кирдгор,
Тавонову донандаи рӯзгор».

Дигар гуфт: «Мо тахт номӣ кунем,
Гаронмоягонро гиромӣ кунем.

Ҷаҳонро бидорем дар зери пар,
Чунон чун падар дошт б-оину фар.

Гунаҳкардагонро ҳаросон кунем,
Ситамдидагонро таносон кунем.

Касе бад кунад, бурдборӣ кунем,
Чу ранҷ оядаш беш, ёрӣ кунем.

Сутуни бузургист оҳистагӣ,
Ҳамон бахшишу доду шоистагӣ.

Бидонед, к-аз кирдгори ҷаҳон
Баду нек ҳаргиз намонад ниҳон.

1. Л – б. 16 нест.

www.sattor.com

Ниёкони мо тоҷдорони даҳр,
Ки аз додашон офарин буд баҳр,

Начустанд ҷуз доду оҳистагӣ,
Бузургиву гурдиву шоистагӣ.[1]

Зн кеҳтар парастиш, зи меҳтар навоз,
Бадандешро доштан дар гудоз.

Ба ҳар кишваре дасту фармон марост,[2]
Тавоноиву рою бурҳон марост.[3]

Касеро, ки Яздон кунад подшо,
Бинозад бад-ӯ мардуми порсо.

Сари мояи шоҳ бахшоиш аст,
Замона зи бахшиш пуророиш аст.

Ба дарвеш-бар меҳрубонӣ кунем,
Ба пурмоя-бар посбонӣ кунем.

Ҳар он кас, ки эмин шуд аз кори хеш,
Бари мо барафрохт бозори хеш.

Шуморо ба мо ҳар чӣ ҳаст орзу,
Мадоред роз аз дили некхӯ.

Зи чизе, ки дилтон ҳаросон бувад,
Маро доди он додан осон бувад.

Ҳар он кас, ки ҳаст аз шумо некбахт,
Ҳама шод бошед аз ин тоҷу тахт.

Миёни бузургон дурахшиш марост,
Чу бахшоишу доду бахшиш марост.

Шумо меҳрубонӣ ба афзун кунед,
Зи дил кинаву оз берун кунед.

1. И – б. 26, 27 нест.
2. И – рою фармони мост,
3. И – Тавоноиву ганҷу паймони мост.

www.sattor.com

Ҳар он кас, ки парҳез кард аз ду кор,
Набинад ду чашмаш бади рӯзгор.

Ба хушнудии кирдгори[1] ҷаҳон
Бикӯшед яксар кеҳону меҳон.

Дигар он ки мағзаш бувад пурхирад,
Сӯи носипосӣ[2] дилаш нангарад.

Чу некӣ физоӣ ба рӯи касон,
Бувад музди он сӯи ту норасон.[3]

Маёмез бо мардуми кажжгӯй,
Ки ӯро набошад сухан ҷуз ба рӯй.

В-агар шаҳрёрат бувад додгар,
Ту бар вай ба сустӣ гумоне мабар.

Гар эдун, ки гӯӣ, надонад ҳаме,
Суханҳои шоҳон бихонад ҳаме.

Чу бахшоиш аз дил кунад шаҳрёр,
Ту андар замин тухми кажжӣ макор.

Ҳар он кас, ки ӯ панди[4] мо дошт хор,
Бишӯяд дил аз хубии шаҳрёр.

Чу шоҳ аз ту хушнуд шуд, ростист,
В-агар[5] сар бупечӣ, дари костист.

Дуруштисту нармист дар банди ту,
Наҷӯяд чу шуд гарм пайванди ту.

Зи некӣ мапарҳез ҳаргиз ба ранҷ,
Макун шодмон дил ба бедоду[6] ганҷ.

Чу андар ҷаҳон коми дил ёфтӣ,
Расидӣ ба ҷое, ки биштофтӣ.

1. ИЛ – шахрёри
2. И – носипосон
3. И – б. 42 нест.
4. Л – таҳдиди
5. ИЛ – В-аз ӯ
6. И – бисёр

www.sattor.com

Чу дайҳим ҳафтод[1] бар сар ниҳӣ,
Ҳама гирдкарда ба душман диҳӣ.

Ҳама кори[2] дарвеш дорад дилам,
Нахоҳам, ки андеша з-ӯ бугсилам.

Ҳаме хоҳам аз пок парвардгор,
Ки чандон маро бар диҳад рӯзгор,

Ки дарвешро шод дорам ба ганҷ,
Наёрам дили порсоро[3] ба ранҷ.

Ҳар он кас, ки шуд дар ҷаҳон шоҳваш,
Сараш гардад аз ганҷи[4] динор каш,

Сарашро бупечам зи кундоварӣ,
Нахоҳам, ки ҷӯяд касе меҳтарӣ.[5]

Ҳамин аст фарҷому оғози мо,
Сухан гуфтани фошу ҳам[6] рози[7] мо.

Дуруди[8] ҷаҳонофарин бар шумо,
Хами чарх бодо[9] замин бар[10] шумо!»

Чу бишнид гуфтори ӯ анҷуман,
Пурандеша гаштанд аз он[11] тан ба тан.

Сари ганҷдорон пур аз бим гашт,
Ситамгорaро дил ба ду ним гашт.

Хирадманду дарвеш з-он ҳар кӣ[12] буд,
Ба дил-ш- андарун шодмонӣ[13] фузуд.

---

1. И–Агар ҳафт дайҳим
2. Л – Ба ҳар кор
3. И – зердастон
4. ИЛ – ганҷу
5. И – доварӣ.
6. И – аз
7. Л – овози
8. И – Дуруд аз
9. И – чархи гардон
10. Л – замини
11. И – ӯ
12. И – ҳар кас, ки
13. И – рӯшноӣ

www.sattor.com

КУШТАНИ ҲУРМУЗД ЭЗАДГУШАСПРО ВА ЗАҲР ДОДАНИ ЗАРДУҲИШТ МӮБАДИ МӮБАДОНРО

Чунин буд, то шуд бузургиш рост,
Бад-он чиз бар подшо шуд, ки хост.

Барошуфту хӯи бад овард пеш,
Ба як сӯ шуд аз роҳи оину кеш.[1]

Ҳар он кас, ки назди падар-ш[2] арҷманд
Будӣ[3] шоду эмин зи биму газанд,

Якояк табаҳ кардашон бегуноҳ,
Бад-ин гуна буд роҳу[4] оини шоҳ.

Се мард аз дабирони Нӯшинравон,
Яке пири доно, ду дигар ҷавон.

Чу Эзадгушаспу дигар Бурзмеҳр,
Дабире хирадманд, бо фарру меҳр.[5]

Се дигар, ки Моҳозараш буд ном,
Хирадманду[6] равшандилу шодком.

Бари тахти Нӯшинравон он се пир
Чу дастур буданду ҳамчун вазир.

Ҳаме хост Ҳурмуз, к-аз ин ҳар[7] се мард
Барорад якояк зи[8] ногоҳ гард.

Ҳаме буд аз эшон дилаш пурҳарос,[9]
Ки рӯзе шаванд андар ӯ носипос.

Ба Эзадгушасп он замон даст охт,
Ба беҳуда-бар банду зиндон-ш сохт.[10]

---

1. Л – роҳу оини хеш.
2. И – буд бар дараш
3. И – Бибуд
4. Л –рою
5. И – Дабири хирадманди бозебу чеҳр.
6. И – Хирадманди
7. Л – Ҳаме сохт пннҳон, ки то з-ин
8. Л – Якояк барорад ба
9. И – дил андар ҳарос,
10. И – Бар Эзадгушасп он гаҳе даст ёфт,
    Бар андеша зӣ банду зиндон шитофт.

www.sattor.com

Дили мӯбади мӯбадон танг шуд,
Рухонаш зи андеша беранг[1] шуд,

Ки мӯбад буду[2] пок будаш сиришт,
Ба хурдӣ варо[3] ном буд Зардуҳишт.

Аз он банд Эзадгушаспи дабир,
Чунон шуд, ки дил[4] хаста гардад ба тир.

Чу рӯзе[5] баромад, набудаш завор,[6]
На хӯрду на пӯшиш, на андӯҳгусор.[7]

Зи зиндон паёме[8] фиристод дӯст,
Ба мӯбад, ки «Эй мар маро[9] мағзу пӯст,

Манам безаворӣ ба зиндони шоҳ,
Касеро ба наздики ман нест роҳ.

Ҳаме хӯрданӣ орзу оядам,
Шикам гурсуна ранҷ бифзоядам,

Бари ман кунун пок чизе фирист,
Чу мурдам, кафан дӯзу баззе фирист».

Дили мӯбад аз дарди пайғоми ӯ
Ғамӣ гашт в-аз ҷои ороми ӯ.[10]

Чунин дод посух, ки «Аз кори банд
Манол, ар наёяд ба ҷонат газанд.[11]

Зи кирдори Ҳурмуз бинолид мард,
Аз андеша ранги рухаш гашт зард.[12]

---

1. Л –Бупечиду рӯяш пурожанг
2. Л –зи бад
3. Л – Мар он пирро
4. И – кучо
5. И –Чу чанде
6. И –қарор,
7. И –набудаш завор.
8. Л –паёмаш
9. ИЛ – бандаро.
10. И – б. 82 нест.
11. ИЛ-Пас аз б. 83 ин б. омада:
    Зи пайғоми ӯ шуд дилаш пуршикан,
    Пурандеша шуд мағзаш аз хештан.
12. ИЛ – б. 84 нест.

www.sattor.com

Ҳаме гуфт: «Акнун шавад огаҳӣ
Бад-он ноҷавонмарди бефарраҳӣ,

Ки мӯбад ба зиндон фиристод чиз,
Наярзад тани мо бараш[1] як пашиз.

Газанд оядам з-ин ҷаҳондор[2] мард,
Кунад бар ман аз хашм ӯ рӯй[3] зард».

Ҳам аз меҳри Эзадгушаспи дабир
Дилаш буд печону рух чун зарир.

Бифармуд, то пок холигараш
Ба зиндон кашад[4] хӯрданиҳо бараш.

В-аз он пас нишаст аз бари тозиасп,
Биёмад ба наздики Эзадгушасп.

Нигаҳбони зиндон чу ӯро бидид,
Шуд аз бим ранги рухаш нопадид.[5]

Наёраст гуфтан, ба зиндон марав,
Ки ин шаҳрёрест[6] ҷӯшону[7] нав.

Фуруд омад ин[8] пир гирён зи асп,
Биёмад[9] ба зиндони Эзадгушасп.

Гирифтанд мар якдигарро канор,
Пур аз дарду[10] мижгон чу абри баҳор.

Зи хӯи бади шоҳ чандин[11] сухан
Ҳаме рафт, то шуд суханҳо[12] куҳан.

---

1. И – бараш ҷони ман: Л – бари мо танаш
2. И – з-он ҷафоҷӯй
3. Л – рухсор; И – рухсора
4. ИЛ–барад
5. И – б. 90, 91нест.
6. И – шаҳриёр аст.
7. Л– шаҳриёре ҷавон аст,
8. Л – он
9. ЛМ – Даромад
10. И–дард,
11. Л–чанде
12. Л – суханшон

www.sattor.com

Ниҳоданд хон пеши яздонпараст,[1]
Гирифтанд пас божу барсам ба даст.

Пас Эзадгушасп, он чи андарз буд,
Ба замзам ҳаме гуфту мӯбад шунуд.

Зи динору аз ганҷи ороста,
Ҳам аз коху айвону аз хоста,[2]

Ба мӯбад чунин гуфт, к-«Эй номҷӯй,
Чу рафтӣ зи эдар, ба Ҳурмуз бигӯй,

Ки гар сар бупечӣ зи гуфтори ман,
Барандеш[3] аз ранҷу тимори ман,

Ки пеши падар-т андарун бардаам,
Туро низ дар бар бипарвардаам.

Бад-он ранҷ подош банд омадаст,
Пас аз банд бими газанд омадаст.

Диле бегунаҳ пурғами шаҳриёр
Ба Яздон намоям ба рӯзи шумор.»[4]

Чу мӯбад сӯи хона шуд, дар замон
Зи корогаҳон рафт марде дамон,

Шунида якояк ба Ҳурмуз бигуфт,
Дили шоҳ бо ройи бад гашт ҷуфт.

Зи Эзадгушасп он замон шуд дурушт,
Ба зиндон фиристоду ӯро бикушт.

Суханҳои мӯбад фаровон шунид,
Бад-ӯ барнакард эч гуна падид.

Ҳаме ронд андеша бар хубу зишт,
Сӯи чораи куштани Зардуҳишт.

1. ЛМ – эзадпараст,
2. И – б. 98 нест.
3. ИЛ – Бар андешӣ
4. ТПМ – Чу бар бегунаҳ – бар бубахшӣ, равост,
Ки бахшоиш аз зинати подшост.

www.sattor.com

Бифармуд, то заҳр холигараш,
Ниҳонӣ биёмехт андар х(в)раш.

Чу мӯбад биёмад ба ҳангоми бор
Ба пурсидани номвар шаҳрёр,

Бад ӯ гуфт: «Имрӯз аз эдар марав,
Ки холигаре ёфтастем нав».

Чу биншаст мӯбад, ниҳоданд хон,
Зи мӯбад биполуд ранги рухон.

Бидонист, к-он хон замони вай аст,
Ҳамон[1] ростӣ дар гумони вай аст.

Хӯришҳо бибурданд холигарон,
Ҳаме хӯрд шоҳ аз карон то карон.

Чу он косаи заҳр пеш оварид,
Нигаҳ кард мӯбад, бад-он бингарид.

Бад-он бегумон шуд дили поки ӯй,[2]
Ки заҳр аст бар коса[3] тарёки ӯй.[4]

Чу Ҳурмуз нигаҳ кард, лабро бубаст,
Бад-он косаи заҳр ёзид даст.

Бад-он сон, ки шоҳон навозиш кунанд,
Бад-он бандагон низ нозиш кунанд.

Чу ёзид дасти гиромӣ ба хон,
Аз он коса бардошт мағзустухон.[5]

Ба мӯбад чунин гуфт, к-«Эй покмағз,
Туро кардам ин луқмаи хубу нағз.

Даҳон боз кун, то хӯрӣ з-ин хӯриш,
Аз[6] ин пас чунин боядат парвариш».

1. И –Ҳама
2. И –ӯ,
3. ИЛ – хон.
4. И – ӯ.
5. И – б. 118, 119 нест.
6. Л – В-аз

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт мӯбад: «Ба ҷону сарат,
Ки ҷовид бодо сару афсарат,

К-аз ин нӯша хӯрдан нафармоиям,
Ба серӣ расидам, наяфзоиям».

Бад-ӯ гуфт Ҳурмуз: «Ба хуршеду моҳ,
Ба покиравони ҷаҳондор шоҳ,

Ки бистонӣ ин нӯша з-ангушти ман,
Бад-ин орзу нашканӣ пушти ман».

Бад-ӯ гуфт мӯбад, ки «Фармони шоҳ,
Биёмад, намонад маро рою роҳ».

Бихӯрду зи хон зору печон бирафт.
Ҳаме ронд то хонаи хеш тафт.

Аз он хӯрдани заҳр бо кас нагуфт,
Яке ҷома афканду нолон бихуфт.

Бифармуд, то пойзаҳр оваранд,
Зи ганҷи кухан, ё зи шаҳр оваранд.

Бад-он заҳр тарёк н-омад ба кор,
Зи Ҳурмуз ба Яздон бинолид зор.

Яке устуворе фиристод шоҳ
Бад-он, то кунад кори мӯбад нигоҳ,

Ки он заҳр шуд бар танаш коргар,
Гар андешаи мо наёмад ба бар.[1]

Фиристодаро чашми мӯбад бидид,
Сиришкаш зи мижгон ба рух барчакид.

Бад-ӯ гуфт: «Рав пеши Ҳурмуз бигӯй,
Ки бахтат ба баргаштан овард рӯй.[2]

---

1. И –б. 132 нест.
2. ТПЗ – Саранҷом з-андешаи нобакор
Шавӣ дар ҷаҳон кӯру бечоравор.
Ба ту ёфта душманон коми дил,
Равонат аз ин бад бимонад хиҷил.
Наёбӣ ба гетӣ- дарун бас диранг,
Пас аз ту ба номи ту-бар монда нанг.

www.sattor.com

Бад-ин доварӣ пеши довар шавем,
Ба ҷое, ки ҳар ду баробар шавем.

Аз ин пас ту эмин махусп аз бадӣ,
Ки подош пеш оядат эзадӣ.

Ту падруд бош, эй барандеш мард,
Бад ояд ба рӯят зи бадкоркард!»

Чу бишнид, гирён бирафт устувор,
Биёвард посух бари шаҳрёр.

Сипаҳбад пушаймон шуд аз кори ӯй,
Бупечид аз он рост гуфтори ӯй.

Мар он дардро роҳи чора надид,
Басе оҳи[1] сард аз ҷигар баркашид.

Бимурд он замон мӯбади мӯбадон,
Бар ӯ зор гирён ҳама бихрадон,

Чунин аст кайҳон пур аз дарду ранҷ,
Чӣ нозӣ ба тоҷу чӣ ёзӣ ба ганҷ?

Ки ин рӯзгори хушӣ бугзарад,
Замона дами мо ҳама[2] бишмарад.

КУШТАНИ ҲУРМУЗД СИМОҲБАРЗИН ВА БАҲРОМИ ОЗАРМЕҲОНРО

Чу шуд кори мӯбад ба зорӣ ба сар,
Ҳама кишвар аз дард зеру забар,

Ҷаҳондори хунрези носозгор
Накард эч ёд аз бади рӯзгор.

Миён танг хун рехтанро бубаст,
Ба Баҳроми Озармеҳон охт даст.

Чу шаб тиратар шуд, мар ӯро бихонд,
Ба пеши худ- андар ба зону нишонд.

1. Л – Яке боди
2. Л – Нафас марди доно ҳаме

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт: «Хоҳӣ, ки эмин шавӣ,
Набинӣ зи ман зиштиву бадхувӣ,

Чу хуршед бар чарх равшан шавад,
Сари кӯҳ чун пушти ҷавшан шавад.

Ту бо номдорони Эрон биёй,
Ҳаме бош бар пеши тахтам ба пой.

Зи Симоҳбарзин-т пурсам сухун,
Чу посух гузорӣ, ту дил бад макун.

Бипурсам, ки ин дӯстдори ту кист,
Бад аст, ар парастандаи эзадист.

Ту посух чунин деҳ, ки ин бадтан аст,
Бадандеш в-аз тухми Оҳарман аст.

В-аз ои пас зи ман ҳар чӣ хоҳӣ, бихоҳ,
Парастандаву мӯҳру тахту кулоҳ».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к- «Эдун кунам,
В-аз ин бад, ки[1] гуфтӣ, сад афзун кунам.

Ба Симоҳбарзин, ки буд аз меҳон,
Гузини падар он чароғи ҷаҳон,

Ҳаме сохт, то чорае чун кунад,
Ки пироҳани меҳр берун кунад.[2]

Чу пайдо шуд он чодари оҷгун,
Хур аз бахши ду пайкар омад бурун,[3]

Ҷаҳондор биншаст бар тахти оҷ,
Биёвехтанд он баҳогир тоҷ.

Бузургони Эрон бар он боргоҳ
Шуданд анҷуман, то биёяд сипоҳ,

1. И – к-аз ин ҳар чӣ
2. ТПМ – Шуд аз ростӣ, сӯи чора шитофт,
Гилеми сияҳбахти худро бибофт.
3. И –б. 157, 158 нест.

www.sattor.com

Зи дар парда бардошт солори бор,
Бирафтанд яксар бари шаҳрёр.

Чу Баҳроми Озармеҳон пешрав,
Чу Симоҳбарзину гурдони нав

Нишастанд ҳар як бар он ҷои хеш,
Гурӯҳе бибуданд бар пой пеш.

Ба Баҳроми Озармеҳон гуфт шоҳ,
Ки «Симоҳбарзин бар ин боргоҳ

Сазовори ганҷ аст, агар марди ранҷ,
Ки бадхоҳ зебо набошад ба ганҷ?»

Бидонист Баҳроми Озармеҳон,
Ки ин[1] пурсиши шаҳрёри ҷаҳон

Чӣ гунасту инро паю бех чист,
К-аз ин бех моро бибояд гирист.

Саранҷом ҷуз дахмаи бекафан
Наёбем аз нн меҳтари анҷуман».

Чунин гуфт Баҳром, к- «Эй родшоҳ,[2]
Зи Симоҳбарзин ту некӣ махоҳ,[3]

Ки вайронии буми Эрон аз ӯст,
Ки на мағз бодаш ба тан - дар, на пӯст!

Нагӯяд сухан ҷуз ҳама баттарӣ,
Бар он баттарӣ-бар кунад доварӣ».

Чу Симоҳбарзин шунид ин сухан,
Бад-ӯ гуфт, к- «Эй некёри куҳан,

Ба бад- бар тани ман гувоӣ мадеҳ,
Чунин девро ошноӣ мадеҳ.

Чӣ дидӣ зи ман, то ту ёри манӣ,
Зи кирдору гуфтори Оҳарманӣ?!»

1. И – он
2. ИЛ – шоҳзод,
3. ИЛ – макун ҳеҷ ёд.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт Баҳроми Озармеҳон,
Ки «Тухме пароканд͞и андар ҷаҳон,

Ки он- бар нахустин ту хоҳ͞и дуруд,
В-аз оташ наёб͞и магар тирадуд,

Ки Кисро марову туро пеш хонд,
Бари тахти шоҳ͞и ба зону нишонд.

Або мӯбадон низ Бузарҷмеҳр,
Чу Эзадгушасп он маҳи хубчеҳр

Бипурсид, к- «Ин тахти шоҳаншаҳ͞и
Киро зебаду кист бо фарраҳ͞и?!

Ба кеҳтар диҳам, ё ба меҳтар писар,
Ки бошад ба шоҳ͞и сазовортар?»

Ҳама яксар аз ҷой бархостем,
Забон посухашро биёростем,

Ки ин туркзода сазовор нест,
Кас ӯро ба шоҳ͞и харидор нест.

Ки хоқоннажод асту бадгавҳар аст,
Ба болову дидор чун модар аст.

Ту гуфт͞и, ки Ҳурмуз ба шоҳ͞и сазост,
Кунун з-ин сазо мар туро ин ҷазост.

Гувоҳ͞и ман аз баҳри ин додамат,
Чунин лаб ба дашном букшодамат»

Зи ташвир Ҳурмуз фурӯ пажмурид,
Ки ин ростгуфтори мардон шунид.

Ба зиндон фиристодашон тирашаб,
В-аз эшон ду шаб[1] низ накшод лаб.

Севум шаб чу барзад сар аз кӯҳ моҳ,
Зи Симоҳбарзин бипардахт шоҳ.

1. ИЛ –ба бад

www.sattor.com

Ба зиндон чу дуздон мар ӯро бикушт,
Набудаш ҷуз аз ранҷу нафрин ба мушт.

Чу Баҳроми Озармеҳон он шунид,
Ки он покдил мард шуд нопадид,

Паёме фиристод наздики шоҳ,
Ки, «Эй тоҷи ту бартар аз чархи[1] моҳ,

Ту донӣ, ки ман чанд кӯшидаам,
Ки то розҳои ту пӯшидаам.

Ба пеши падар-т- он сазовор шоҳ
Набудам туро ҷуз ҳама некхоҳ.

Яке панд гӯям, чу хонӣ маро,
Бари тахти шоҳӣ нишонӣ маро.

Туро судмандист аз панди ман,
Ба зиндон мамон як замон банди ман.

Ба Эрон аз он судмандӣ бувад,
Хирадмандро бегазандӣ бувад.[2]

Паёмаш чу наздики Ҳурмуз расид,
Яке роздор аз миён баргузид,

Ки Баҳромро назди шоҳ оварад,
Бад-он номвар боргоҳ оварад.

Шаби тира Баҳромро пеш хонд,
Ба чарбӣ сухан чанд бо ӯ[3] биронд.

Бад-ӯ гуфт: «Баргӯй, к-он панд чист,
Ки моро бад-он рӯзгори беҳист?»

Чунин дод посух, ки «Дар ганҷи шоҳ
Яке сода сандуқ дидам сиёҳ.

Ниҳода ба сандуқ-дар ҳуққае,
Ба ҳуққа -дарун порсӣ руқъае.

1. Л –чарху
2. ИЛ – б. 195 нест.
3. И – хубӣ фаровон суханҳо

www.sattor.com

Набиштаст бар парниёни сапед,
Бад-он бошад эрониёнро умед.

Ба хатти падар-т он ҷаҳондор[1] шоҳ,
Туро андар он кард бояд нигоҳ».

Чу Ҳурмуз шунид он, фиристод кас
Ба наздники дастури фарёдрас,

Ки дар ганҷҳои кухан бозҷӯй
Яке содасандуқ мӯҳре бар ӯй.

Бар он мӯҳр-бар номи Нӯшинравон,
Ки ҷовид бодо равонаш ҷавон!

Ҳам акнун шаби тира пешам биёр,[2]
Фаровон ба ҷустан мабар рӯзгор.

Шитобид ганҷур, сандуқ ҷуст,
Биёвард пешаш[3] ба мӯҳре дуруст.

Ҷаҳондор сандуқро баркушод,
Фаровон зи Нӯшинравон кард ёд.

Ба сандуқ- дар ҳуққа бо мӯҳр дид,
Шитобиду он[4] парниён баркашид.

Нигаҳ кард дар[5] хатти Нӯшинравон,
Набишта бар он руқъаи парниён,

Ки Ҳурмуз ба даҳ солу бар сар ду сол,
Яке шаҳрёре бувад[6] беҳамол.

В-аз он пас пурошӯб гардад ҷаҳон,
Равад[7] ному овозп ӯ дар ниҳон.

1. И – ҷаҳонгир
2. ИЛ– пеши ман ор,
3. ИЛ – айвон
4. Л – аз; И – з-ӯ
5. Л – бас
6. Л – шавад
7. ИЛ – Шавад

www.sattor.com

Падид ояд аз ҳар сӯе душмане,
Яке баднажоде чу[1] Оҳармане.[2]

Пароканда гардад ба[3] ҳар сӯ сипоҳ,
Фуруд[4] афканад душман ӯро зи гоҳ.

Ду чашмаш кунад доғ он бадкунаш,[5]
В-аз он пас баророанд ҳуш аз танаш.

Ба хатти падар Ҳурмуз он руқъа дид,
Ҳаросон шуду парниён бардарид.[6]

Чу чашмаш пур аз хун шуду рӯй зард,
Ба Баҳром гуфт: «Эй ҷафопеша мард,

Чӣ ҷустӣ бад-ин руқъа- андар ҳаме,
Бихоҳӣ рабудан зи ман сар ҳаме?»

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к- «Эй туркзод,
Ба хун рехтан то набошӣ ту шод.

Ту хоқоннажодӣ, на аз Кайкубод,
Ки Кисро туро тоҷ бар сар ниҳод».

Бидонист Ҳурмуз, ки ӯ дасти[7] хун
Биёзад ҳаме зинда бо[8] раҳнамун.

Шунид ин суханҳои нокомро,
Ба зиндон фиристод Баҳромро.

Дигар шаб чу барзад сар аз кӯҳ моҳ,
Ба зиндон дижогоҳ кардаш табоҳ.

Намонд он замон бар дараш бихраде,
Ҳамон раҳнамоеву гар[9] мӯбаде.

---

1. И – баднажодеву
2. Л – Аҳримане.
3. ИЛ–зи
4. Л – Фурӯ
5. ИЛ–кӯр хеши занаш,
6. И –И – б. 218 нест.
7. И – к-он мард
8. И–Ҳаме бинаду несташ
9. И – ҳам; Л-–раҳнамову ҳамон

www.sattor.com

Зи хӯи бад ояд ҳама бадтарӣ,
Нигар, то сӯи хӯи бад нангарӣ.

БАРГАШТАНИ ҲУРМУЗД АЗ БЕДОД БА ДОДГУСТАРӢ

В-аз он пас набуд зиндагонии хеш,[1]
Зи тимор зад бар дили хеш неш.[2]

Зи соле ба Истахр будӣ се[3] моҳ,
Ки кӯтоҳ будӣ шабони сиёҳ.

Ки шаҳре[4] хунук буду равшан ҳаво,
Аз он ҷо гузаштан набудӣ раво.

Се моҳи ҳарифон[5] будӣ б-Исфаҳон,
Ҳавои хушу ҷойгоҳи меҳон.

Зимистон будӣ ҷои ӯ Тайсафун
Або лашкару мӯбаду[6] раҳнамун.

Баҳорон будӣ ӯ ба Арванддашт,
Бар ин гуна чанде бар ӯ баргузашт.

Аз он руқъа будӣ дилаш[7] пурҳарос,
Ниёишкунон буд дар[8] шаб се пос.

На хун рехт аз он пас, на бедод кард,
На аз бад равонаш ҳаме ёд кард.[9]

Чу пинҳон шудӣ чодари ложвард,
Падид омадӣ кӯҳи[10] ёқути зард,

Мунодигаре баркашидӣ хурӯш,
Ки эй номдорони бофарру ҳуш,

1. ИЛ – зиндагониш хуш,
2. ИЛ – нӯш.
3. Л – ду
4. И – шаҳри
5. И –маҳ бо ҳарифон
6. И – мӯбади
7. И – будаш дил андар
8. И – то
9. Л –б. 231–235 нест.
10. И – Шудӣ кӯҳ монанди

www.sattor.com

Агар киштманде шавад кӯфта,
В-аз он ранҷ коранда ошуфта,

В-агар асп дар киштзоре шавад,
Касе низ дар мевадоре шавад,

Думи аспу гӯшаш бибояд бурид,
Сари дузд[1] бар дор бояд кашид.

Маҳу сол гардон будӣ дар ҷаҳон,
Баду некувӣ з-ӯ набудӣ ниҳон.

Ба ҳар кишваре дод кардӣ чунин,
Зи деҳқон[2] ҳаме ёфтӣ офарин.

Писар буд мар ӯро гиромӣ яке,
Ки аз моҳ пайдо набуд андаке.

Мар ӯро падар карда[3] Парвиз ном,
Гаҳаш хондӣ Хусрави хешком.[4]

Набудӣ ҷудо як замон аз падар,
Падар низ нашкефтӣ аз писар.

Чунон буд, ки аспе зи охур бичаст,
Ки буд шоҳ Парвезро[5] бар нишаст.

Сӯи киштманд омад аспи ҷавон,
Нигаҳбони асп аз пас- андар[6] давон.

Биёмад худованди он киштзор,
Ба пеши нигаҳбон[7] бинолид зор.

Худованди кишта бигуфт: «Аспи кист,
Ки бар думму гӯшаш бибояд гирист?!»

1. И – мард
2. И – ҳар кас
3. ИЛ – кард
4. Л–шодком.
5. И – будӣ- бар шохро
6. И – омад
7. ИЛ – муваккал

www.sattor.com

Нигаҳбон[1] гуфт: «Аспи Парвезшоҳ,
Надорад ҳаме кеҳтар онро нигоҳ».[2]

Биёмад нигаҳбон бари шаҳрёр,
Бигуфт, он чи бишнид аз он киштзор.

Бад-ӯ гуфт Ҳурмузд: «Боз ор ҳуш,[3]
Бибур дар замон аспро думму гӯш.

Зиёне, ки омад бар он киштманд,
Шумораш бибояд гирифтан, ки чанд.

Зи Хусрав зиён боз бояд ситад,
Агар сад зиён аст, агар ҳафтсад.[4]

Дирамҳои ганҷӣ дар он киштзор
Бирезед[5] пеши худованди кор[6]».

Чу бишнид Парвез, пӯзишгарон[7]
Барангехт аз ҳар сӯе меҳтарон[8]

Ба назди падар то бубахшад гуноҳ,
Набуррад думу гӯши аспи сиёҳ.[9]

Барошуфт аз он аспи ӯ[10] шаҳрёр,
Ҷаҳондидагонро ҳама кард хор.

Нигаҳбон[11] шуд аз бими Хусрав[12] давон,
Бад-он кишта[13] наздики аспи ҷавон.[14]

---

1. Л – Худованд; И – Нигаҳбон-ш
2. И – Худованди дайҳиму ганҷу сипоҳ.
3. ИЛ – ба рафтан бикӯш,
4. Л –шуд зиёнаш дусад бор сад; И – се бор сад.
5. Л – Бирезанд
6. И – б. 255 нест.
7. Л – аз кеҳтарон,
8. И – пурмоя хоҳишгарон.
9. Л – Ки бошед хоҳишкунон пеши шоҳ,
   Набуррад магар думму гӯши сиёҳ.
10. И –гуфтаҳо
11. ИЛ – Муваккал
12. И – Парвез; Л – аспаш
13. Л – кишт
14. Л – аспаш равон.

www.sattor.com

Ба ханҷар ҷудо кард аз ӯ гӯшу дум,
Бад-он киштзоре, ки оварда[1] сум.

Ҳамон низ товон ба фармони шоҳ
Расонид Хусрав бад-он додхоҳ.

В-аз он пас ба нахчир шуд шаҳрёр,
Биёвард ҳар кас фаровон шикор.

Саворе разе дид бороваре,
Сипаҳбаднажоде баландахтаре.

Саросар ҳама раз пур аз ғӯра буд,
Бифармуд то кеҳтар онро дуруд,

Аз он хӯшае чанд бибриду бурд,
Ба айвону холигарашро супурд.

Биёмад худованди раз дар замон,
Бад-он мард гуфт, к- «Эй бади бадгумон,

Нигаҳбони он раз набудӣ ба ранҷ,
На динор додӣ баҳоро, на ганҷ.

Чаро ранҷ нобурда кардӣ табоҳ?
Бинолам кунун аз ту ман[2] пеши[3] шоҳ».

Савори диловар зи бими зиён
Ба зудӣ камар боз кард аз миён.

Бад-ӯ дод пурмоя зарринкамар,
Ба ҳар мӯҳрае дарнишонда гуҳар.

Худованди раз чун камар дид, гуфт,
Ки «Кирдори бад чанд бояд нуҳуфт?!

Ту бо шаҳрёр ошноӣ макун,
Харанда надорӣ, баҳое макун,

1. ИЛ – овард
2. Л–дар
3. И – дар пешгоҳ.

www.sattor.com

Сипосе ниҳам бар ту худ[1] з-ин камар,
Ту беҷонӣ ар[2] бишнавад додгар.[3]»

Яке мард буд Ҳурмузи шаҳриёр
Ба пирӯзӣ андар шуда номдор.[4]

Ба мардӣ сутуда ба ҳар анҷуман,
Ки рамзи варо кас надидӣ шикан,

Ки ҳам доддеҳ буду ҳам додхоҳ,
Кулоҳи кайӣ баргузашта[5] ба моҳ.

Накардӣ ба шаҳри Мадоин диранг,
Диловарсаре[6] буд бономи нанг.[7]

Баҳору тамузу зимистону[8] тир,
Наёсуд ҳаргиз яли шаҳргир.[9]

Ҳаме гашт гирди ҷаҳон сар ба сар,
Ҳаме ҷуст бо подшоҳӣ ҳунар.

ЛАШКАР КАШИДАНИ СОВАШОҲ БА ҶАНГИ ХУРМУЗД

Чу даҳсола шуд подшоҳиш рост,
Зи ҳар кишвар овози бадхоҳ хост,

Биёмад зи роҳи Ҳарӣ Совашоҳ,
Або кӯсу пилону ганҷи сипоҳ,

Гар аз лашкари Сова гирӣ шумор,
Бирав чорсад бор бишмар ҳазор.

1. И – кунам бар ту-бар; Л – ниҳам бар ту-бар
2. И – Бупечӣ агар,
3. И – Пас аз б. 273 ин б. омада:
   Бузургон ба хоҳишгарӣ пеши ӯй,
   Бирафтанду доданд бар бӯса рӯй.
   Ба хоҳиш бидоданд ӯро камар,
   Басе бӯса доданд бар чашму сар.
4. И – комгор.
5. Л – баркашида
6. Л – Диловар шаҳе
7. И – б.277 нест.
8. И – зимистону даймоҳу
9. И – наёсудӣ он хусрави гурдгир.

www.sattor.com

Зи пилони ҷангӣ ҳазору дувист,
Ту гуфтӣ, магар дар замин роҳ нест.

Зи дашти Ҳарӣ то лаби Марврӯд,
Сипаҳ буд оганда чун тору пуд.

В-аз ин рӯй то Марв лашкар кашид,
Шуд аз гарди лашкар[1] замин нопадид.

Ба Ҳурмуз яке нома бинвишт шоҳ,
Ки наздики худ хон зи ҳар сӯ сипоҳ.

Пулу роҳи ин лашкар обод кун,
Алаф созу аз теғи мо ёд кун.

Бад-ин подшоҳӣ бихоҳам гузашт,
Ба дарё сипоҳ асту дар кӯҳу дашт.

Чу бархонд он номаро шаҳрёр,
Бипажмурд аз он лашкари бешумор.

В-аз он рӯй Қайсар биёмад зи Рум,
Зи лашкар ба зер-андар овард[2] бум.

Сипаҳ буд аз румиён[3] сад[4] ҳазор
Саворони ҷанговару[5] номдор.

Зи шаҳре, ки бигрифт Нӯшинравон,
Ки аз номи ӯ буд Қайсар навон.[6]

Ба шамшер бигрифт яксар ҳама,
Даромад ба фармони Қайсар ҳама.[7]

Биёмад зи ҳар кишваре лашкаре,
Ба пеш- андарун номвар меҳтаре.

1. И–гард рӯи
2. И – Биёвард лашкар ба обод
3. И – Саворони румӣ се раҳ
4. Л – румӣ адад сӣ
5. И – Далерони ҷанговари;.Л – ҷанговари
6. И–Пас аз б. 292 ин б. омада:
   Бад-он шаҳрҳо шоҳ лашкар кашид,
   Сари рост аз моҳ бартар кашид.
7. ИЛ – б. 293 нест.

www.sattor.com

Сипоҳе биёмад зи роҳи Хазар,
К-аз эшон сияҳ шуд ҳама буму бар.

Ҷаҳондидаи гурд дар пеш буд,
Або ганҷу бо лашкари хеш буд.

Аз[1] Армения то дари Ардабил,
Пароканда шуд лашкараш[2] хел-хел,

Зи дашти саворони найзагузор
Сипоҳе биёмад фузун аз шумор.

Чу Аббосу чун Амрашон пешрав,
Саворону гарданфарозони нав.

Зи тороҷ вайрон шуд он буму руст,
Ки Ҳурмуз ҳаме бож аз эшон[3] биҷуст.

Биёмад сипаҳ[4] то ба рӯди Фурот,
Набуд андар он бум ҷое набот[5].

Чу торик шуд рӯзгори беҳӣ,
Зи лашкар ба Ҳурмуз расид огаҳӣ.

Чу бишнид гуфтори корогаҳон,
Бипажмурд шодоб шоҳи ҷаҳон.

Пушаймон шуд аз куштани мӯбадон,
Зи даргоҳ гум гаштани бихрадон.

Надид ӯ ҳаме мардуми ройзан,
Бупечид Ҳурмуз бари хештан.[6]

Фиристоду эрониёнро бихонд,
Саросар ҳама кох мардум нишонд,

Баровард розе, ки буд аз нуҳуфт,
Бад-он номдорони Эрон бигуфт,

---

1. И – В-аз
2. И–Сипоҳи пароканда буд; Л – лашкарӣ
3. Л-божи Эрон
4. И – Аз Армения
5. И – Намонд андар он подшоҳӣ субот.
6. Л – б. 304, 305 нест.

www.sattor.com

Ки чандин сипаҳ сар бар Эрон ниҳод,
Ки кас[1] дар ҷаҳон ин[2] надорад ба ёд.

Ҳама марзбонон фурӯ монданд,
Зи ҳар гуна андешаҳо ронданд.

Бигуфтанд, к- «Эй шоҳи борою ҳуш,
Яке андар ин кор бикшой гӯш.[3]

Хирадманд шоҳиву мо камтарем,
Ҳама хештан мӯбаде нашмарем.

Ҳама мӯбадону дабирони хеш
Бикуштиву гаштӣ зи оину кеш.[4]

Барандеш, то чораи кор чист,
Бару буми моро нигаҳдор кист?».

Чунин гуфт мӯбад, ки будаш вазир,
Ки «Эй шоҳи донову донишпазир,

Сипоҳи Хазар гар биёяд ба ҷанг,
Наёбанд ҷангӣ замоне диранг.

Або румиён достонҳо занем,
Зи бун пояи[5] тозиён[6] барканем.

Туро Совашоҳ аст наздиктар,
В-аз ӯ кори мо низ ториктар.

Зи роҳи Хуросон бувад ранҷи мо,
Ки вайрон кунад лашкару ганҷи мо.

Чу турк андаромад зи Ҷайҳун ба ҷанг,
Набояд бад-ин кор кардан диранг».

Ба мӯбад чунин гуфт ҷӯяндароҳ,
Ки «Акнун чӣ созем бо Совашоҳ?»

1. Л – Касе
2. И – Кас аз рӯзгорон
3. ИЛ –б. 310 нест.
4. ИЛ – б.312 нест.
5. Л – бехи ин
6. И – Зи дил кину пайкорашон

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт мӯбад, ки «Лашкар бисоз,
Ки хусрав ба лашкар бувад сарфароз.

Аразро бихон, то биёрад шумор,
Ки чанд аст мардум, ки ояд ба кор».[1]

Араз бо ҷарида ба наздики шоҳ
Биёмад, биёвард марри[2] сипоҳ.

Шумори сипоҳ омадаш сад ҳазор,
Пиёда басе дар миёни савор.

Бад-ӯ гуфт мӯбад, ки «Бо ин сипоҳ,
Сазад гар бишӯрем бо Совашоҳ.

Магар мардумӣ ҷӯиву ростӣ,
Бурун афканӣ кажживу костӣ.

Раҳонӣ сари кеҳтаронро[3] зи бад,
Чунон ки раҳи[4] шаҳрёрон сазад.

Шунидастӣ он достони бузург,
Ки Арҷосп он пурзиён пиргург

Ба Гуштоспу Лӯҳросп аз баҳри дин
Чӣ бад кард худ бо саворони Чин?

Чӣ омад зи тимор бар шаҳри Балх,
Ки шуд зиндагонӣ бар он бум[5] талх.

Чунин то кушода шуд Исфандёр,
Ҳаме кард ҳар гунае корзор.

Агар нашнавад панд шоҳи замин,
Басе ранҷ бинад зи туркони Чин.

---

1. И – мард аз дари корзор.
2. И – бемар
3. И – мӯбадонро
4. И –кардани
5. И – шаҳр

www.sattor.com

Зи меҳтар[1] ба сол арчи ман меҳтарам,[2]
Аз ӯ ҳам ба андеша барнагзарам,[3]

Ба мӯбад чунин гуфт пас шаҳрёр,
Ки Қайсар наҷӯяд ба мо корзор.[4]

Ҳамон шаҳрҳоро, ки бигрифт шоҳ,
Супорам бад-ӯ, бозгардад зи роҳ.

Фиристодае ҷуст гурду[5] дабир,
Хирадманду донову ҳам ёдгир.[6]

Ба Қайсар чунин гуфт, к- «Аз Румшаҳр
Нахоҳам, туро бод аз он бум баҳр.

Ту ҳам пой дар марзи Эрон манеҳ,
Чу хоҳӣ, ки меҳ бошиву рӯзбеҳ.[7]

Фиристода чун пеши[8] Қайсар расид,
Бигуфт он чи аз шоҳи Эрон шунид,

Зи раҳ бозгашт он замон шоҳи Рум,
Наёзурд хок андар он марзу бум.

Шаҳаншоҳ Ҳурмуз сипаҳ[9] баргузид,
Ки аз гардашон рӯз[10] шуд нопадид.

Фиристодашон то бад-он буму бар,[11]
Ба пой андароранд кӯҳи[12] Хазар.

Сипаҳдорашон пеш[13] Харрод буд,
Ки бофарру аврангу бодод буд.

---

1. И – хусрав
2. И – мо меҳтарем,
3. И – бар нагзарем.
4. Л – б. 332–334 нест,
5. И – ҷуст карду
6. И – Хирадманди донову гӯёву пир.
7. И – бошад маҳу рӯз беҳ,
8. И – наздики
9. ИЛ – Сипоҳе зи эрониён
10. И –меҳр
11. Л – зуд з-Эрон ба дар,
12. Л –марзи
13. И – Сари он сипаҳ гурд

www.sattor.com

Чу омад ба Армения- дар сипоҳ,
Сипоҳи Хазар баргирифтанд роҳ.

В-аз эшон фаровон бикуштанд низ,
Гирифтанд аз он марз бисёр чиз.[1]

Чу огоҳӣ омад ба наздики шоҳ,
Ки Ҳаррод пирӯз буд[2] бо сипоҳ.

Ба ҷуз кинаи Совашоҳаш намонд,
Хирадро ба андеша- андар нишонд.

НИШОН ДОДАНИ МЕҲРОНСИТОД АЗ БАҲРОМИ ЧӮБИНА БА ҲУРМУЗДШОҲ ВА ХОСТАНАШ ҲУРМУЗД

Яке банда буд шоҳро шодком,
Хирадманду бедору Настӯҳ ном.

Ба шоҳи ҷаҳон гуфт: «Анӯша бадӣ,
Ҳамеша зи ту дур чашми бадӣ.

Падар-м он хирадманд Меҳронситод,
Ки чун ӯ замона надорад ба ёд,

Ба кунҷе нишастаст бо Занду Уст,
Аз уммеди гетӣ шуда пиру суст.

Бад-ин рӯзгорон[3] бари ӯ шудам,
Яке рӯзу як шаб[4] бари ӯ будам.

Ҳаме гуфтам ӯро ҳам аз Совашоҳ,
Зи пилони ҷангиву чандин сипоҳ».

Чунин дод посух, ки «Омад сухан
Аз он гуфтаи рӯзгори куҳан».

1. ИЛ – шуд.
2. ТПЗ – Араб чун шуниданд, баста шуданд,
Бирафтанд аз он ҷойгаҳ, к-омаданд.
3. И – Дар ин чаидрӯза
4. И – Шабу рӯз яксар

www.sattor.com

Бипурсидам аз пир Меҳронситод,
К- «Аз он рӯзгорон чӣ дорӣ[1] ба ёд»?

Чунин дод посух, ки «Шоҳи ҷаҳон,
Агар пурсадам, бозгӯям ниҳон».

Шаҳаншоҳ фармуд, то дар замон
Бишуд назди ӯ номдоре дамон.

Мар он пирро зуд[2] бардоштанд,
Ба маҳд- андарун тез бугзоштанд.

Чу омад бари шоҳ марди куҳан,
Диле пур зи дониш, саре пурсухан,

Бипурсид меҳтар[3] зи Меҳронситод,
Ки «Аз кори мо ту[4] чӣ дорӣ ба ёд?»

Чунин дод посух бад-ӯ марди пир,
Ки «Эй шоҳи гӯяндаву ёдгир,

Бад-он гаҳ куҷо модаратро зи Чин
Фиристод хоқон ба Эронзамин,

Ба хоҳандагӣ ман будам пешрав,
Саду шаст мард аз далерони нав.[5]

Падар-т он шаҳаншоҳи донову рост,
Зи хоқон парасторзода нахост.[6]

Маро гуфт, ҷуз духти хотун маҳоҳ
Назебад парастор ҳамҷуфти шоҳ.[7]

Бирафтем наздики хоқони Чин,
Ба шоҳӣ бар ӯ хондем офарин.

1. Л – дорад
2. Л – Тани пир аз он коҳ
3. И – Хурмуз
4. И – рӯзгорон
5. И –б. 363 нест.
6. Л – б. 364 нест.
7. – дар пешгоҳ,

www.sattor.com

Варо панҷ духтар буд андар ниҳон,
Ҳама хубу зебои тахти шаҳон.[1]

Ба рафтан тазарву ба дидан баҳор,
Саросар пур аз бӯю рангу нигор.[2]

Маро дар шабистон фиристод шоҳ,
Бирафтам дар он номвар пешгоҳ.

Рухи духтаронро биёростанд,
Сари зулф бар гул бипеؗростанд.

Магар модарат бар сар[3] афсар надошт,
Ҳамон ёраву тавқу гавҳар надошт,

Нишаста сарафканда бегуфтугӯй,
Зи шарм остинро гирифта ба рӯй.[4]

Аз эшон ҷуз ӯ духти Хотун набуд,
Бад-ӯ раҳ маро рой равшан намуд,

Ки хотуни чинӣ зи Фағфур буд,
Ба гавҳар зи кирдори бад дур буд.

Ҳаме модарашро ҷигар з-ӯ бихаст,
Ки фарзанд ҷое шавад дурдаст.

Дижам буд[5] аз он духтари порсо,
Гусӣ кардан аз хонаи подшо.

Ман ӯро гузин кардам аз духтарон,
Нигаҳ доштам чашм аз[6] дигарон.

Маро гуфт хоқон, ки дигар гузин,
Ки ҳар панҷ хубанду боофарин.

Маро посух ин[7] буд, к- «Ин боядам,
Чу дигар гузинам, газанд оядам».

1. И – меҳон.
2. И – б. 368 нест.
3. И – модари ту, ки
4. ИЛ – б. 372 нест.
5. Л –шуд
6. И – аз он
7. И – он

www.sattor.com

Фиристод, пас мӯбадонро[1] бихонд,
Бари тахти шоҳӣ ба зону нишонд.

Ба пурсиш гирифт ахтари духтараш,
Ки то чун бувад гардиши[2] ахтараш.

Ситорашумар гуфт: «Ҷуз некувӣ
Набиниву ҷуз ростӣ нашнавӣ.

Аз ин духту аз[3] шоҳи эрониён
Яке пур зояд[4] чу шери жаён.

Ба боло баланду ба бозу ситабр,
Ба мардӣ чу шеру ба бахшиш чу абр.

Сияҳчашму пурхашму нобурдбор,
Падар бугзарад, ӯ бувад шаҳрёр.

Фаровон зи ганҷи падар бар хӯрад,
Басе[5] рӯзгорон ба бад наспарад.

В-аз он пас яке шоҳ хезад[6] сутург,
Зи туркон сипоҳе биёрад[7] бузург.

Бисозад, ки Эрону шаҳри Яман
Саросар бигирад бад-он[8] анҷуман.

Аз ӯ шоҳи Эрон шавад дардманд,
Битарсад зи пирӯзбахти баланд.[9]

Яке кеҳтаре бошадаш зӯрдаст,[10]
Саворе сарафрози[11] меҳтарпараст,

1. И – Ҳамон гоҳ кундоваронро; Л – Фиристоду кундоваронро
2. Л–духтару
3. Л –духт в-аз
4. Л–кӯдак ояд
5. И – Пас аз
6. И – меҳтар ояд
7. И – Диловар сипоҳе
8. И – Бигирад, барорад сар аз
9. И – б. 389 нест.
10. Л–дурдаст,
11. Л–сарафрозу

www.sattor.com

Ба боло дарозу[1] ба андом хушк,
Ба гирди сараш ҷаъдмӯе чу мушк.

Қавӣ устухонҳову бинӣ бузург,
Сияҳчардаву[2] тундгӯву[3] сутург.

Ҷаҳонҷӯй Чӯбина дорад лақаб,
Ҳам аз паҳлавонон-ш бошад насаб.

Зи ҷое биёяд ба даргоҳи шоҳ,
Чунин марди чокар[4] ба андак сипоҳ.

Мар он туркро ногаҳон бишканад,
Ҳама лашкарашро ба ҳам барзанад.

Чу бишнид гуфти ситорашумар,
Надидам зи хоқон касе шодтар.

Ба Нӯшинравон дод пас духтараш,
Ки аз духтарон ӯ будӣ афсараш.

Пазируфтам ӯро ман аз баҳри шоҳ,
Чу ин карда шуд, бозгаштам ба роҳ.

Баровард чандон гуҳарҳо зи ганҷ,
Ки мо ёфтем аз кашидан-ш ранҷ.

Сипаҳ то лаби рӯди Ҷайҳун биронд,
Ҷаҳонбини худро ба киштӣ нишонд.

Зи Ҷайҳун дили пур зи хун бозгашт,
Зи фарзанд бо дард ҳамбоз гашт.[5]

Кунун он чи дидам, бигуфтам ҳама,
Ба пеши ту, эй шаҳрёри рама.

Аз ин кишвар ин мардро бозҷӯй,
Ба пӯянда шояд, ки гуӣ, бипӯй,

1. И – баланду
2. ИМ – Сияҳчеҳраву
3. Л – Сияҳчарда гурду далеру
4. И–Чу ин марди чобук
5. ИЛ – б. 399–401 нест.

www.sattor.com

Ки пирӯзии шоҳ бар дасти ӯст,
Ба душман мамон ин сухан ё ба дӯст».

Бигуфт ину ҷонаш баромад зи тан,
Бар ӯ зор гирён буданд[1] анҷуман.

Шаҳаншоҳ з-ӯ дар шигифтӣ бимонд,
Ба мижгон ҳаме хуни дил барфишонд.

Ба эрониён гуфт: «Меҳронситод,
Ҳаме дошт ин достонҳо[2] ба ёд.

Чу бо мо якояк бигуфт ин,[3] бимурд,
Писандида ҷонаш ба Яздон супурд.

Сипосам ба[4] Яздон, к-аз ин марди пир
Баромад чунин гуфтанӣ[5] ногузир.[6]

Нишон ҷуст бояд зи[7] ҳар кишваре,
Агар меҳтаре бошад, ар кеҳтаре.[8]

Буҷӯед то ин[9] ба ҷой оваред,
Ҳама ранҷҳо[10] зери[11] пой оваред».

Яке меҳтаре номбардор буд,
Ки бар охури асп солор буд.

Куҷо Зодфаррух будӣ номи ӯй,
Ҳама шодии шоҳ буд коми ӯй.

Биёмад бари шоҳу гуфт ин нишон,
Ки дод ин ситуда ба гарданкашон,

1. И – зору гирён шуданд
2. И – он гуфтаҳоро
3. И – ӯ,
4. И –зи
5. И – Биёмад чунин гуфтае.
6. ТПЗ – Агар соате дигар овардаме,
Бимурдиву бисёр ғам хӯрдаме.
7. И –ба
8. И–Зи ҳар номдору зп ҳар меҳтаре. Л.– б. 408–410 нест.
9. И –Бичӯеду инро
10. Мар ин гуфтаҳо
11. Л – З-ӯ ба

www.sattor.com

Зи Баҳроми Баҳром пури Гушасп,
Саворе сарафрози[1] печанда асп,

Аз андешаи ман нахоҳад гузашт
В-агар бугзарад, бозмонад ба дашт,

Ки додӣ бад-ӯ Бардау Ардабил,
Яке марзбон гашт бо кӯсу пил.

Ҳаюне таковар барафканд шоҳ
Ба Баҳром, то сар нахорад[2] ба роҳ.

Сӯи боргоҳ ояд аз Ардабил,
Ба танҳо тани хеш бекӯсу хел.

Фиристода Баҳромро мужда дод,[3]
Суханҳои Меҳрон бар он кард ёд.[4]

ОМАДАНИ БАҲРОМИ ЧӮБИНА БА НАЗДИКИ ҲУРМУЗДШОҲ

Ҷаҳончӯй пӯён зи Бардаъ биронд,
Зи гурдони лашкар касеро нахонд.

Чу Баҳром танг андаромад зи роҳ,
Бифармуд, то бор доданд шоҳ.

Ҷаҳондида рӯи шаҳаншоҳ дид,
Бар он номдор офарин густарид.

Нигаҳ кард шоҳ андар ӯ як замон,
Набурдаш бад-ӯ[5] ҷуз ба некӣ гумон.

Нишонҳои Меҳронситод андар ӯй
Бидиду бихандиду шуд тозарӯй.

В-аз он пас бипурсиду бинвохташ,
Яке номвар ҷойгаҳ сохташ.

1. И – сарафрозу
2. И – напечад
3. И – бурд.
4. И – Ҳурмуз бар ӯ баршумурд.
5. Л – Набудаш бар ӯ

www.sattor.com

Шаби тира чун чодари мушкбӯй
Бияфканду бинмуд хуршед рӯй,

Ба даргоҳ шуд марзбон назди шоҳ,
Гаронмоягон баркушоданд роҳ.

Ҷаҳондор Баҳромро пеш хонд,
Ба тахт аз бари номдорон нишонд.[1]

Бипурсид аз он пас, ки «Бо Совашоҳ
Кунам оштӣ ё фиристам сипоҳ?»

Чунин дод посух бад-ӯ ҷангҷӯй,
Ки «Бо Совашоҳ оштӣ нест рӯй.

Агар ҷангро хоҳад оростан,
Ҳазимат бувад оштӣ хостан.

Ва дигар, ки бадхоҳ гардад далер,
Чу бинад, ки коми ту ояд ба зер.

Гаҳи разм чун базм пеш оварӣ,
Ба фармонбарӣ монад он доварӣ»[2].

Бад-ӯ гуфт Ҳурмуз, ки «Пас чист рой,
Диранг оварам,[3] ар наҷунбам зи ҷой?»

Чунин дод посух, ки «Гар бадсигол
Бупечад сар аз дод, беҳтар ба фол.

Чӣ гуфт он гаронмояи[4] некрой,[5]
Ки бедодро нест бо дод ҷой[6].

Ту бо душмани бадкуниш разм ҷӯй,
На бо оташ об андарояд ба ҷӯй.

В-агар худ дигаргуна бошад сухан,
Шаҳи нав гузинад сипеҳри куҳан.

---

1. ТПЗ– Суханҳои Эрон бар ӯ кард ёд
Ҳамон низ гуфтори Меҳронситод.
2. И – б: 427–434 нест.
3. И – Диранг оварад,
4. Л – фиристодаи
5. И – покрой,
6. ИЛ – пой.

www.sattor.com

Чу нерӯ ба бозуи хеш оварем,
Ҳунар ҳарчи дорем, пеш оварем.

На аз покяздон накӯҳиш[1] бувад,
На шарм аз ялон чун пажӯҳиш[2] бувад.

Чу нокушта з-эрониён даҳ ҳазор[3],
Битобем[4] хира сар аз корзор,

Чӣ гӯяд туро душмани айбҷӯй,
Ки беҷанг печӣ зи бадхох рӯй?!

Чу бар душманон тирборон кунем,
Камонро чу абри баҳорон кунем,

Ҳамон теғу кӯпол чун сад ҳазор
Кашида шавад дар сафи корзор.

Чу пирӯзии мо[5] наёяд падид,
Дил аз некбахтӣ бибояд кашид[6].

Аз он пас ба фармони душман шавем,
Ки беҷону бетӯшу бетан шавем.

Бикӯшем[7], то гардиши осмон
Чӣ пеш оварадмон зи суду зиён».

Чу гуфтори Баҳром бишнид шоҳ,
Бихандиду рахшанда шуд пешгоҳ.

Зи пеши ҷаҳондор берун шуданд,
Ҷаҳондидагон дил пур аз хун шуданд.

Ба Баҳром гуфтанд, к- «Андар сухун
Чу пурсад туро, бас далерӣ макун.

1. И – пажӯҳиш
2. И – аз шермардон накӯҳиш
3. И – Ба нерӯи Яздони парвардгор.
4. И – Натобем
5. И – пирӯзие з-он
6. И – бурид.
7. И – Бубинем,

www.sattor.com

Сипоҳ аст чандон або Совашоҳ,
Ки бар мӯру бар пашша бастаст[1] роҳ.

Чунон чун ту гуфтӣ ҳаме пеши шоҳ,
Ки ёрад будан паҳлавони сипоҳ?»

Чунин гуфт Баҳром бо меҳтарон,
Ки «Эй номдорону кундоварон,

Чу фармон диҳад номбардор шоҳ,
Манам сохта паҳлавони сипоҳ»[2].

Бирафтанд бедор корогаҳон
Ҳамон гаҳ бари шаҳрёри ҷаҳон,

Суханҳои Баҳром чандон[3], ки буд,
Ба ҳар як сароянда даҳ барфузуд.

ПАҲЛАВОНӢ ДОДАНИ ҲУРМУЗД БАҲРОМИ ЧӮБИНАРО

Шаҳаншоҳи Эрон аз он шод гашт[4],
Зи тимори[5] он лашкар озод гашт[6].

Варо кард солор бар лашкараш,
Ба абр- андар овард ҷангӣ сараш.

Ҳар он кас, ки ҷуст аз ялон номро,
Сипаҳбад ҳаме хонд Баҳромро.

Сипаҳбад биёмад бари шаҳрёр
Камарбаста бо олати корзор,

Ки дастур бошад маро шаҳрёр,
Ки хонам аразро зи баҳри шумор,

1. И – банданд
2. И – Манам сохта кинаву ҷангро,
Кашида ба кин танги шабрангро.
3. ИЛ – з-он сон
4. И – шуд,
5. И – андӯҳи
6. И–шуд.

www.sattor.com

Бубинам зи лашкар, ки ҷангӣ кианд,
Гаҳи ном ҷустан дирангӣ кианд?»

Бад-ӯ гуфт: «Солори лашкар туӣ,
Ба ту бозгардад баду некуӣ»[1].

Сипаҳбад бишуд то аразгоҳи шоҳ,
Бифармуд, то пеши ӯ шуд сипоҳ.

Гузин кард аз эрониён лашкаре,
Ҳар он кас, ки будаш саворон саре.

Набиштанд номи даҳу ду ҳазор
Зиреҳдору баргустувонвар савор.

Чиҳилсолагонро набиштанд ном,
В-агар з-ин каму беш буд, шуд ҳаром.

Сипаҳдор Баҳроми Баҳром буд,
Ки дар ҷанг ҷустан варо ном буд,

Якеро, ки номаш Ялонсина буд,
Куҷо синаи ӯ пур аз[2] кина буд,

Сари номдорони ҷангиш кард,
Ки[3] пеши саф оянд[4] ба рӯзи набард.

Бигардонад аспу бигӯяд нажод,
Кунад бар дили ҷангиён ҷанг ёд[5].

Дигар он ки номаш буд Эзадгушасп,
К-аз оташ набаргоштӣ дар таг асп,

Бифармуд, то гӯш дорад буна,
Кунад майсара рост бо маймана.

Ба пушти сипаҳ буд Нардогушасп,
Куҷо думми шерон гирифтӣ зи асп.

1. И –ки меҳтар туӣ.
2. И – Ки дар синаи ӯ ҳама
3. И –Ба
4. И –андар
5. И-б. 472 нест.

www.sattor.com

Ба лашкар чунин гуфт пас паҳлавон,
Ки «Эй номдорони равшанравон,

Чу хоҳед, к-Эзад бувад ёратон,
Кунад равшан ин тира бозоратон,

Камозор бошеду ҳам камзиён,
Бадиро мабандед ҳаргиз миён.

Шаби тира чун нолаи каррной
Барояд, биҷунбед яксар зи ҷой.

Бар он гуна ронед яксар сутур,
Ки бархезад андар шаби тира шӯр.

Зи нерӯву осудагӣ аспу мард
Наяндешад аз рӯзгори набард[1].

Чу огоҳӣ омад сӯи шаҳрёр,
Ки донанда Баҳром чун сохт[2] кор,

Зи гуфтору кирдори ӯ гашт шод,
Дари ганҷ бикшоду рӯзӣ бидод.

Ҳамон[3] ганҷҳои силеҳи набард,
Бидодаш ба Баҳрому дар[4] боз кард.

Аз аспони ҷанг он чи будаш[5] яла,
Ба шаҳр андаровард чанде[6] гала.

Бифармуд, то паҳлавони сипоҳ
Бихоҳад, ҳар он ч-аш бибояд зи шоҳ.

Чунин гуфт Баҳромро шаҳрёр,
Ки «Аз ҳар даре дидаӣ корзор.

Шунидӣ, ки бо номвар Совашоҳ
Чӣ моя силеҳ асту чандин сипоҳ.

1. Л –б. 480, 481 нест.
2. Л –барсохт
3. Л – Ҳама
4. Л –Биёварду дар пеши ӯ
5. Л – Зи аспон-ш чандон ки будӣ
6. Л – яксар

www.sattor.com

Ҳам аз ҷанги туркони ӯ рӯзи кин
Ба овардгаҳ-бар биларзад замин.

Гузидӣ зи лашкар даҳу ду ҳазор
Зиреҳдору баргустувонвар савор.

Бад-ин моя мардум ба рӯзи набард,
Надонам, ки чун бошад ин коркард?!

Ба ҷои ҷавонони шамшерзан
Чиҳилсолагон хостӣ з-анҷуман».

Сипаҳбад чунин дод посух бад-ӯй,
Ки «Эй шоҳи некахтару чарбгӯй,

Шунидастӣ он достони меҳон,
К-аз ин[1] пеш буданд шоҳи ҷаҳон.

Аз ин[2] достон низ дорам гуво,
Агар бишнавад шоҳи фармонраво,

Ки чун бахти пирӯз ёвар бувад,
Раво буд, агар ёр камтар бувад.

Ки Ковуси Кайро ба Ҳомоварон
Бубастанд бо лашкари бекарон,

Гузин кард Рустам даҳу ду ҳазор
Зи шоистамардони гурду савор.

Биёвард Ковуси Кайро зи банд,
Бад-он номдорон наёмад газанд.

Ҳамон низ Гударзи Кашводагон,
Сари номдорону озодагон[3]

Ба кини Сиёвуш даҳу ду ҳазор
Биёвард баргустувонвар савор.

Ҳамон низ пурмоя Исфандёр
Биёвард ҷангӣ даҳу ду ҳазор

1. ИЛ – Ки дар
2. ИЛ – Бад-ин
3. И – б. 500 нест.

www.sattor.com

Ба Арҷаспу аз[1] чора кард, он чи кард,
В-аз он лашкару диж баровард гард.

Аз ин моя гар лашкар афзун бувад,
Зи мардиву аз рой берун бувад.

Сипаҳбад, ки лашкар фузун аз шумор
Ба ҷанг оварад, печад аз корзор.

Дигар он ки гуфтӣ, ки чилсола мард
Зи барно фузунтар наҷӯяд набард,

Чиҳилсола боозмоиш бувад,
Ба мардонагӣ дар физоиш бувад.

Ба ёд оядаш меҳри нону намак,
Бар ӯ гашта бошад фаровон фалак.

Зи гуфтори бадгӯй в-аз ному нанг
Ҳаросон бувад, сар напечад зи ҷанг.

Зи баҳри зану зодаву дударо
Напечад равон марди фарсударо.

Ҷавон чиз бинад, пазирад фиреб,
Ба гоҳи дирангаш набошад[2] шикеб.

Надорад зану зодаву кишту варз,
Ба чизе надонад зи ноарз арз.

Чу беозмоиш наёбад хирад,
Сари мояи корҳо нангарад.

Гар эдун, ки пирӯз гардад ба ҷанг,
Шавад шоду хандону созад диранг.

В-агар ҳеҷ пирӯз шуд бар танаш,
Набинад ҷуз аз[3] пушти ӯ душманаш».

Чу бишнид гуфтори ӯ шаҳрёр,
Чунон тоза шуд чун гул андар баҳор.

---
1. ИЛ – Арҷосп-дар
2. И – наёяд
3. И – ба ҷуз

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт: «Рав, ҷавшани корзор
Бипӯшу зи айвон ба майдон гузор».

Сипаҳбад биёмад зи наздики шоҳ,
Камар хосту хафтону румикулоҳ.

Барафканд баргустувон бар саманд,
Ба фитрок барбаст печон каманд.

Ҷаҳондор бо гӯю чавгону тир
Ба майдон хиромид худ бо вазир.

Сипаҳбад биёмад ба майдони шоҳ
Або ҷавшану гурзу румикулоҳ.[1]

Чу дидаш ҷаҳондор, кард офарин,
Сипаҳбад бибӯсид рӯи замин,

Биёвард пас шаҳрёрӣ дирафш,
Куҷо пайкариаждаҳо[2] буд бунафш,

Ки дар пеши Рустам будӣ пеши[3] ҷанг,
Сабук шоҳи Эрон гирифта[4] ба чанг.

Чу бибсуд, хандон ба Баҳром дод,
Фаровон бар ӯ офарин кард ёд.

Ба Баҳром гуфт: «Он ки шоҳони[5] ман
Ҳаме хондандаш сари анҷуман,

Ки буд номи ӯ Рустами паҳлавон,
Ҷаҳонгиру пирӯзу равшанравон.

Дирафши вай аст он чи дорӣ ба даст,
Ки пирӯз бодиву хусравпараст.

Гумонам, ки ту Рустами[6] дигарӣ
Ба мардиву гурдиву фармонбарӣ».

---

1. ТПЗ – Намудаш ҳунарҳои некӯгумон
Ба гурзу ба чавгону тиру камон.
2. ИЛМ – пайкараш аждаҳо
3. ИЛ – рӯзи
4. ИЛ – гирифт он
5. И – ҷаддони; Л – аҷдоди
6. Л – Рустаме

www.sattor.com

Бар ӯ офарин кард пас паҳлавон,
Ки пирӯз бодиву[1] равшанравон.

Зи майдон биёмад ба ҷои нишаст
Сипаҳбад дирафши Таҳамтан ба даст.

Пароканда гаштанд гурдони шоҳ,
Ҳамон шодмон паҳлавони сипоҳ.

РАФТАНИ БАҲРОМИ ЧӮБИНА БА ҶАНГИ СОВАШОҲ

Сапеда чу барзад сар аз кӯҳсар,
Падид омад аз дур рахшон сипар.

Сипаҳбад биёмад ба айвони шоҳ,
Биғалтид бар хок пеши сипоҳ.[2]

Чунин[3] гуфт: «Ман бебаҳона шудам,
Ба фарри ту тоҷи замона шудам.

Яке орзу хоҳам аз шаҳрёр,
Ки бо ман фиристад яке устувор,

Ки то ҳар касе, к-ӯ набард оварад,
Сари душмане зери гард оварад,

Нависад ба нома- дарун номи ӯй,
Раванда шавад дар ҷаҳон коми ӯй»

Чунин гуфт Ҳурмуз, ки «Меҳрони пир
Бузург асту гӯяндаву ёдгир».

Бифармуд то бо сипаҳбад бирафт,
Аз айвон сӯи ҷанг ёзид[4] тафт.

Бишуд лашкар аз кишвари Тайсафун,
Сипаҳбад чу Баҳром пеш- андарун.

1. Л – пирӯзгар бошу
2. И – б. 533, 534 нест.
3. Л – Бад-ӯ
4. И – тозид

www.sattor.com

Сипоҳӣ[1] хирадманду гурду далер,
Сипаҳбад сарафроз[2] чун наррашер.

Чу ӯ рафт, шоҳи ҷаҳон бозгашт,
Або мӯбади хеш ҳамроз гашт[3].

Ба мӯбад чунин гуфт Ҳурмуз, ки «Мард
Шавад шоду хандон[4] ба рӯзи набард.

Аз ин пас чӣ гӯӣ, чӣ шояд будан,
Ҳамон[5] достонҳо бибояд задан».

Бад-ӯ гуфт мӯбад, ки «Ҷовид зӣ,
Ки худ ҷовидон зиндагиро сазӣ.

Бад-ин бурзболои ин паҳлавон,
Бад-ин тезгуфтор равшанравон

Набошад магар шоду пирӯзгар,
Ҷаҳоне, ки шуд бебар, орад ба бар.

Битарсам, ки ӯ ҳам ба фарҷоми кор
Бипечад сар аз шоҳи[6] парвардгор.

Ҳаме дар сухан бас далерӣ намуд,
Ба гуфтор бо шоҳ шерӣ намуд.

Бад-ӯ гуфт Ҳурмуз, ки «Дар пойзаҳр
Маёлой заҳри[7] бадандеш даҳр.

Чун ӯ гашт пирӯз бар Совашоҳ,
Сазад, гар супорам бад-ӯ тоҷу гоҳ.

Чунин боду ҳаргиз мабодо ҷуз ин,
Ки ӯ шаҳрёре шавад б-офарин[8]».

1. ИЛ–Сипоҳе
2. ИЛ – Сипаҳдори бедор
3. ИЛ –б. 543 нест,
4. И – Дилаш ҳаст шодон
5. Л- Ҳама
6. Л – шоҳу
7. ИЛ – заҳр, эй
8. Л – бар замин.

www.sattor.com

Чу мӯбад зи шоҳ ин суханҳо шунид,
Бипажмурду лабро ба дандон газид.

Ҳаме дошт андар дил ин шаҳрёр,
Чунин то баромад бад-ин рӯзгор.

Зи даргаҳ яке[1] роздоре биҷуст,
Ки то ин сухан боздонад[2] дуруст.

Бад-ӯ гуфт: «Тез аз паси паҳлавон
Бирав, то чӣ бинӣ, ба ман барбихон».

Биёмад суханҷӯй пӯён зи пас,
Набуд огаҳ аз ройи ӯ ҳеҷ кас,

Ки ҳам роҳбар буду ҳам фолгӯй,
Саранҷоми ҳар кор гуфтӣ бад-ӯй.

Чу Баҳром берун шуд аз Тайсафун,
Ҳаме ронд бо найза пеш- андарун[3].

Яке покҷаббини пӯшида дошт,
Басе сар бар ӯ-бар ҳаме даргузошт.

Сипаҳбад барангехт асп, эй шигифт,
Ба нӯки синон з-он саре баргирифт.

Ҳаме ронд, то найзаро кард рост,
Бияндохт он сар аз он сӯ, ки хост.

Яке ахтаре кард аз он сар ба роҳ,
К-аз ин сон бибуррам сари Совашоҳ,

Ба пеши сипоҳаш ба роҳ афканам,
Ҳама лашкарашро ба ҳам барзанам.

Фиристодаи шоҳ чун он бидид,
Бияфканд[4] фоле, чунон чун сазид.

1. И – даргоҳ шаҳ; Л – даргоҳ як
2. ИЛ – бозҷӯяд
3. И – Або лашкару мардуми раҳнамун.
4. Л – Пай афканд

www.sattor.com

Чунин гуфт, к- «Ин марди пирӯзбахт
Аз ин ранҷ ёбад саранҷом тахт.

Аз[1] он пас чу коми дил орад ба мушт,
Бупечад сар аз шоҳу гардад дурушт».

Биёмад бари шоҳу ин ҳам бигуфт,
Ҷаҳондор бо дарду ғам гашт ҷуфт.

Варо он сухан бадтар омад зи марг,
Бипажмурду тира шуд он[2] сабзбарг.

Фиристодае хост аз дар ҷавон,
Фиристод тозон бари[3] паҳлавон.

Бад-ӯ гуфт: «Рав, бар сипаҳбад бигӯй,
Ки имшаб аз ин ҷо[4], ки ҳастӣ, мапӯй.

Ба шабгир баргарду пеши ман ой,
Тиҳӣ кард хоҳам зи бегона ҷой.

Бигӯям ба ту, ҳарчи бояд зи панд,
Сухан чанд ёд омадам судманд».

Фиристода омад сӯи паҳлавон,
Бигуфт, он чи бишнид марди ҷавон.

Чунин дод посух, ки «Лашкар зи роҳ
Нахонанд боз, эй хирадманд шоҳ,

Зи раҳ бозгаштан бад ояд ба фол,
Ба нерӯ шавад з-он сухан бадсигол.

Чу пирӯз гардам, биёям барат,
Дурафшон шавад[5] кишвару лашкарат».

Фиристода омад ба наздики шоҳ,
Бигуфт, он чи бишнид аз он некхоҳ.

---

1. Л – В-аз
2. Л – Фурӯ монду пажмурд чун
3. И –паси
4. И–зи ҷое
5. И –кунам

www.sattor.com

Зи гуфтори ӯ шоҳ хушнуд гашт,
Ҳама ранҷи пӯянда бесуд гашт.

Сипаҳбад ба шабгир лашкар биронд,
Бар эшон ҳаме номи Яздон бихонд.

Ҳаме рафт то кишвари хузиён,
Зи лашкар касеро наёмад зиён.

Зане бо ҷуволе миён пур зи коҳ
Ҳаме бурд пӯён миёни сипоҳ[1].

Саворе биёмад, харид он ҷувол,
Надодаш баҳову бупечид ёл.

Хурӯшон зан омад, ба Баҳром гуфт,
Ки «Коҳ аст лахте маро дар нуҳуфт.

Баҳои ҷуволе ҳаме доштам,
Ба пеши сипоҳи ту бугзоштам.

Кунун бистад аз ман саворе ба роҳ,
Ки дорад ба сар-бар зи оҳан кулоҳ».

Биҷустанд он мардро дар замон,
Кашиданд пеши сипаҳбад дамон.

Ситонандаро гуфт Баҳроми гурд,
Ки «Ин кор чандин шумурдӣ ту хурд»?

Равонаш[2] ба пеши саропарда бурд,
Сару пою дасташ шикастанд хурд.

Миёнаш ба ханҷар ба ду ним кард,
Дили марди бадсоз пурбим кард.

Хурӯше баромад зи пардасарой,
Ки «Эй номдорони покизарой,

Ҳар он кас, ки ӯ барги коҳе зи кас
Ситонад, набошад-ш фарёдрас,

1. И –б. 581–584 нест.
2. ИЛ – Давонаш

www.sattor.com

Миёнаш ба ханҷар кунам бар ду ним,
Бихарред, чизе ки бояд, ба сим.

Ҳаме ронд бо дод бар раҳ сипоҳ,
Ҳама роҳу бероҳ аз ӯ дар паноҳ.[1]

ФИРИСТОДАНИ ҲУРМУЗДШОҲ ХАРРОДИ БАРЗИНРО НАЗДИКИ СОВАШОҲ БА ПАЙҒОМИ ФИРЕБАНДА

Аз он лашкари Соваву пилу ганҷ
Ҳаме буд з-андеша Ҳурмуз ба ранҷ.

Ба дил бар-ш андеша бисёр гашт,
Зи Баҳром пурдарду[2] тимор гашт.

Равонаш пур аз ғам, дилаш бар ду ним,
Ҳаме доштӣ з-он ба дил тарсу бим.

Шаби тира барзад сар аз бурҷ моҳ,
Ба Харроди Барзин чунин гуфт шоҳ,

Ки «Барсоз, то сӯи душман шавӣ,
Бикӯшиву аз тохтан нағнавӣ.

Сипоҳаш нигаҳ кун, ки чанду чианд,
Сипаҳбад кадом асту гурдон кианд?»

Бифармуд, то номаи пандманд
Набиштанд наздики он пургазанд.

Яке нома бо ҳадяи шоҳвор[3],
Чу онро нашояд гирифтан шумор.

Фиристодаро гуфт: «Сӯи Ҳарӣ
Ҳаме рав, чу пайдо шавад лашкаре.

Чунон дон, ки Баҳроми ҷанговар аст,
Мапиндор, к-он лашкари дигар аст.

1. ИЛ–б. 596 нест.
2. ИЛ – Дилаш з-он сухан пур зи
3. Л – шаҳриёр,

www.sattor.com

Аз он роҳ наздики Баҳром пӯй,
Сухан ҳарчи бишнидӣ аз ман, бигӯй.

Бигӯяш, ки ман бо навиду хиром,
Бигустурда[1] хоҳам яке тоза дом[2],

Набояд, ки пайдо шавад рози ту,
Агар бишнавад ному овози ту.

Мар ӯро ба домат фароз оварам,
Суханҳои чарбу дароз оварам».

Баророст Харроди Барзин ба роҳ,
Биёмад бар он сон, ки фармуд шоҳ.

Чу Баҳромро дид, бо ӯ бигуфт,
Суханҳо куҷо дошт андар нуҳуфт.

В-аз он ҷойгаҳ шуд сӯи Совашоҳ,
Ба ҷое ки буд пилу ганҷу сипоҳ.

Варо диду бистуду кардаш[3] намоз,
Шунида ҳаме гуфт бо ӯ ба роз.

Бияфзуд пайғомаш аз ҳар даре,
Бад-он то шавад лашкар андар Ҳарӣ.

Чу омад ба дашти Ҳарӣ номдор,
Саропарда зад бар лаби рӯдбор.

Талоя биёмад зи туркон ба роҳ,
Бидиданд Баҳромро бо сипоҳ.

Пас он гаҳ чу дид он диловар сипоҳ,
Биёмад дамон то дари Совашоҳ.

Бигуфт, он ки бо номвар меҳтаре
Яке лашкар омад ба дашти Ҳарӣ[4].

1. Л – Бигустурд
2. ТП – Фаровон зи мо офаринаш расон,
Ки пирӯз бодиву равшанравон.
3. Л –Чу дидаш, ситуду бибурдаш
4. Л – б. 616–619 нест.

www.sattor.com

Суханҳо чу бишнид аз ӯ Совашоҳ,
Пурандеша шуд марди ҷӯяндароҳ.

Зи хайма фиристодаро бозхонд,
Ба тундӣ суханҳо фаровон биронд.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй римани пурфиреб,
Магар з-ин[1] фарозӣ бубинӣ[2] нишеб.

Бирафтӣ зи даргоҳи Ҳурмуздшоҳ[3],
Бад-он то магар дом[4] созӣ ба роҳ.

Ба ҷанг[5] оварӣ порсӣ лашкаре,
Занӣ хайма бар марғзори Ҳарӣ?»

Чунин гуфт Харроди Барзин ба шоҳ,
Ки «Пеши сипоҳи ту андак сипоҳ

Гар ояд, ба зиштӣ гумоне мабар,
Ки ин марзбоне бувад баргузар.

В-агар зинҳорӣ яке номҷӯй
Зи кишвар[6] сӯи шоҳ бинҳод рӯй.

Вар эдун, ки бозоргоне сипоҳ
Биёвард, то бошад эмин ба роҳ.

Кӣ бошад, ки орад ба рӯи ту рӯй,
Агар кӯҳу дарё шавад кинаҷӯй!»[7]

Зи гуфтори ӯ шод шуд Совашоҳ,
Бад-ӯ гуфт: «Моно, ки ин аст роҳ»[8].

Чу Харроди Барзин сӯи хайма рафт,
Баромад шаби тира аз кӯҳ тафт.

---

1. Л –к-аз
2. Л – надидӣ
3. Л – он хоршоҳ,
4. Л – маро ром
5. Л – чанг
6. Л – лашкар
7. ТПИЛ – Фиристам яке мард наздики ӯй,
   Бубинад, ки то кист он марзҷӯй.
8. ТПЗ – Фиристем як мард, то даррасад,
   Ки ӯ некхох аст, агар марди бад.

www.sattor.com

Басечиду барсохт роҳи гурез,
Бад-он то наёяд бад-ӯ растахез.

Бад-он гаҳ ки шаб тиратар гашт, шоҳ
Ба Фағфур фармуд, то бо сипоҳ

Зи пеши падар то бари паҳлавон
Биёяд хирадманд марди ҷавон.

Чу омад ба наздики эронсипоҳ,
Саворе барафканд фарзанди шоҳ,

Ки пурсад, ки ин ҷангҷӯён кианд,
В-аз он тохтан- сохтан бар чианд?

Зи туркон биёмад саворе чу гард,
Хурӯшид, к- «Эй номдорони мард.

Сипаҳбад кадом асту солор кист,
Ба разм- андарун номбардор кист?

Ки Фағфур чашму дили Совашоҳ,
Варо дид хоҳад ҳаме бесипоҳ.

Зи лашкар биёмад яке размҷӯй,
Ба Баҳром гуфт, он чи бишнид аз ӯй.

Сипаҳбад биёмад зи пардасарой,
Дирафши дурафшон ба сар-бар ба пой.

Чу Фағфури чинӣ бидидаш, битохт,
Саманди ҷаҳанда[1] ба хай дарнишохт.

Бипурсиду гуфт: «Аз куҷо рондаӣ,
Кунун истода чаро мондаӣ?

Шунидам, ки аз Порс бугрехтӣ,
Ки озурда гаштиву хун рехтӣ?»

Чунин гуфт Баҳром, к- «Ин худ мабод,
Ки бо шоҳи Эрон кунам кина ёд.

1. Л – ҷамонаш

www.sattor.com

Ман эдар ба разм омадам бо сипоҳ,
Зи Бағдод рафтам ба фармони шоҳ.

Чу аз лашкари Совашоҳ огаҳӣ
Биёмад бад-он боргоҳи меҳӣ,

Маро гуфт: «Рав роҳи эшон бигир
Ба гурзу синону ба шамшеру тир».

Чу бишнид Фағфур, баргашт зуд,
Ба пеши падар шуд, бигуфт, он чи буд.

Шунид ин сухан, шоҳ шуд бадгумон,
Фиристодаро ҷуст ҳам дар замон.

Касе гуфт: «Харроди Барзин гурехт,
Ҳаме з-омадан хун зи мижгон бирехт».

Чунин гуфт пас бо писар Совашоҳ,
Ки «Ин бадгумонмард чун ёфт[1] роҳ?

Шаби тираву лашкаре бешумор,
Талоя чаро шуд чунин хоркор?»

ПАЙҒОМ ФИРИСТОДАНИ СОВАШОҲ НАЗДИ БАҲРОМИ ЧӮБИНА

Аз[2] он пас фиристод марди куҳан
Ба наздики Баҳроми чирасухан[3],

Бад-ӯ гуфт: «Рав порсиро бигӯй,
Ки эдар ба хира марез обрӯй.

Ҳамоно, ки ин моя донӣ дуруст,
Ки он подшоҳи ту марги ту ҷуст.

Ба ҷанге[4] фиристод назди касе,
Ки ҳамто надорад ба гетӣ басе.

1. Л –рафт
2. Л –В-аз
3. ИЛ – хирасухан.
4. ИЛ –ҷангат

www.sattor.com

Туро гуфт, рав, роҳ бар вай бигир,
Шуниди ту гуфтори нодилпазир.

Агар кӯҳ пеши ман ояд ба роҳ,
Ба пой андарорам ба пилу сипоҳ».

Чу бишнид Баҳром гуфтори ӯй,
Бихандид аз он тирабозори[1] ӯй.

Чунин дод посух, ки «шоҳи ҷаҳон
Агар марги ман ҷӯяд андар ниҳон,

Чу хушнуд бошад зи ман, шоядам,
Агар хок боло бипаймоядам».

Фиристода омад бари Совашоҳ,
Бигуфт он чи бишнид аз он размхоҳ.

Бад-ӯ гуфт: «Рав, бозгарду[2] бигӯй,
Ки чандин чаро боядат гуфтугӯй,

Ки чун омадастӣ бад-ин размгоҳ,
Зи мо орзу ҳар чи хоҳӣ, бихоҳ»[3].

Фиристода омад, ба Баҳром гуфт,
Ки «Розе, ки дорӣ, барор аз нуҳуфт.

Ки ин шаҳрёрест некахтаре,
Биҷӯяд ҳаме чун[4] ту фармонбаре».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к- «Ӯро бигӯй,[5]
Ки гар[6] дод ҷӯӣ[7], баҳона маҷӯй.

Гар эдун, ки аз шаҳрёри ҷаҳон
Ҳаме оштӣ ҷӯӣ андар ниҳон.

1. Л –тезбозори
2. ИЛ –порсиро
3. ТПМ – Ба хорит гардонам аз роҳ боз,
Намонам, ки монӣ дар эдар дароз.
4. Л – аз
5. Л – онро
6. И – чун
7. л – хоҳӣ,

www.sattor.com

Туро андар ин марз меҳмон кунам,
Ба чизе ки гӯӣ ту, фармон кунам.

Бубахшам сипоҳи туро симу зар,
Киро дархурояд кулоҳу камар,

Саворе фиристам ба наздики шоҳ,
Бад-он то ба пеш оядат нимароҳ.

Ба сони ҳамолон алаф созадат,
Агар дӯстӣ, шоҳ бинвозадат.

В-ар эдун, ки эдар ба ҷанг омадӣ,
Ба дарё ба чанги наҳанг омадӣ.

Чунон бозгаштӣ[1] зи дашти Ҳарӣ,
Ки бар ту бигирянд ҳар меҳтаре.

Ба баргаштанат пеш-дар чоҳ бод,
Пасат боду борон-т ҳамроҳ бод!

Наёвардат эдар, магар бахти бад,
Ҳаме хост, то бар сарат бад расад».

Фиристода баргашту омад чу бод,
Паёми ҷаҳонҷӯй як-як бидод.

Чу бишнид пайғоми ӯ Совашоҳ,
Барошуфт аз он шердил[2] размхоҳ[3].

Фиристодаро гуфт: «Рав, бозгард,
Паёме бибар назди он девмард.

Бигӯяш, ки дар чанги ту нест ном,
На аз куштанат низ ёбем ком.

Чу шоҳи ту бар дар маро кеҳтар аст,
Туро кеҳтарӣ з-ин ҳама меҳтар аст.

1. Л – бозгардӣ
2. И – нанг дар; Л – некдил
3. Л – Пас аз б.679 ин б. омада:
Аз он сард гуфтан дилаш танг шуд,
Рухонаш зи андеша беранг шуд.

www.sattor.com

Гар эдун, ки зинҳор хоҳӣ зи ман,
Сарат баргузорам аз ин анҷуман.

Фаровон биёбӣ зи ман хоста,
Шавад лашкарат яксар ороста.

Ба гуфтори бесуду девонагӣ
Наҷӯяд ҷаҳонҷӯй мардонагӣ.

Фиристода он марди гарданфароз,
Биёмад ба наздики Баҳром боз.

Бигуфт он газоянда пайғоми ӯй,
Ҳамоно, ки буд з-он сухан коми ӯй.

Чу бишнид, бо мард пайғом гуфт,
Ки «Посух зи меҳтар набояд нуҳуфт.

Бигӯяш, ки гар ман чунин кеҳтарам,
Ки нанг ояд аз кеҳтаре[1] бар сарам.

Шаҳаншоҳ бо лашкар аз нанги ту
Ба тундӣ наҷӯяд ҳаме ҷанги ту.

Ман аз хурдагӣ рондаам бо сипоҳ,
Ки вайрон кунам дудаи Совашоҳ.

Бибуррам сарашро, фиристам ба шоҳ,
Наярзад, ки бар найза созам ба роҳ.

Чу ман зинҳорӣ бувад нанги ту,
Бад-ин хурдагӣ кардан оҳанги ту.[2]

Набинӣ маро ҷуз ба рӯзи набард,
Дирафше паси пушти ман ложвард,

Ки дидори он аждаҳо марги туст,
Наёми синонам сару тарги туст.

1. Л – кеҳтарон
2. Л – С. 693 нест.

www.sattor.com

САФ КАШИДАНИ СОВАШОҲ ВА БАҲРОМИ ЧӮБИНА БА ҶАНГИ ЯКДИГАР

Чу бишнид гуфторҳои дурушт,
Фиристодаи шоҳ бинмуд пушт.

Баёмад, бигуфт, он чи диду шунид,
Сари шоҳи туркон зи кин бардамид.

Бифармуд, то кӯс берун баранд,
Сарафроз пилон ба ҳомун баранд.

Сияҳ шуд ҳама кишвар аз гарди сум,
Баромад хурӯшидани говдум.

Чу бишнид Баҳром, к-омад сипоҳ,
Дару дашт зард асту сурху сиёҳ,

Сипаҳро бифармуд, то барнишаст,
Биёмад зиреҳдор гурзе ба даст,

Паси пушт буд шорсони Ҳарӣ,
Ба пеш- андарун теғзан лашкаре,

Биёрост бо майсара, маймана,
Сипоҳӣ ҳама якдилу яктана[1].

Ту гуфтӣ, ҷаҳон яксар аз ҷавшан аст,
Ситора зи нӯки синон равшан аст.

Нигаҳ кард аз он размгаҳ Совашоҳ
Ба ороишу созу он дастгоҳ,

Ҳарӣ аз паси пушти Баҳром дид,
Ҳама ҷои худ тангу ноком дид.

Чунин гуфт пас бо саворони хеш,
Ҷаҳондидаву ғамгусорони хеш,

Ки омад фиребандае назди ман,
Аз он порсӣ меҳтари анҷуман.

1. Л – б. 700–703 нест.

www.sattor.com

Ҳаме буд, то ин сипаҳ шорсон
Гирифтанду шуд ҷои мо[1] хорсон».

Бад-он ҷои тангӣ сафе баркашид,
Ҳаво нилгун шуд, замин нопадид.

Сипаҳ буд бар маймана чил ҳазор,
Саворони жӯпинзану найзадор.[2]

Абар майсара чил ҳазори дигар,
Чи найзагузору чи ханҷаргузар.[3]

Ҳамон чил ҳазор аз далерони мард
Паси пушти лашкар-ш бар[4] пой кард.

Зи лашкар басе низ бекор буд,
Бад-он тангӣ- андар гирифтор буд.

Чу девор пилон ба пеши сипоҳ
Фароз овариданду бастанд роҳ.

Пас- андар ғамӣ шуд дили Совашоҳ,
Ки танг оядаш ҷойгоҳи сипоҳ.

Ту гуфтӣ, бигӯяд[5] ҳаме бахти ӯй,
Ки бекор хоҳад будан[6] тахти ӯй.

ФИРИСТОДАНИ СОВАШОҲ ПАИҒОМИ ДИГАР БА БАҲРОМИ ЧӮБИНА

Дигарбора гурде забоноваре,
Фиребанда марде зи дашти Ҳарӣ

Фиристода шуд назди[7] Баҳрому гуфт,
Ки «Бахти сипеҳри туро нест ҷуфт.

1. Л – ман
2. И – жӯпинвари кинадор.
3. Л – Ҳама новакандозу пархошхар.
   И – Ҳама найзадорони.
   ТПЗЛ – Ба қалб- андарун номвар чил ҳазор,
   Чи найзагузору чи ханҷаргузор;
4. Л–лашкар абар
5. Л – бигиряд
6. ИЛ – шудан
7. Л – фиристод наздики

www.sattor.com

Ҳаме нашнавӣ панду чандин сухун,
Хирад ёр кун, чашми дил боз кун.

Ду тан ёфтастӣ, ки андар ҷаҳон
Чу эшон набуд аз нажоди меҳон.

Чу хуршед бар осмон равшананд,[1]
Зи мардӣ ҳамасола дар ҷавшананд.[2]

Яке ман, ки шоҳи ҷаҳонам ба дод,
Дигар пури Пармуда фаррухнажод.

Сипоҳам фузунтар зи барги дарахт,
Агар бишмарӣ[3] мардуми некбахт.

Гар аз пиру лашкар бигирам шумор,
Бихандӣ зи борони[4] абри баҳор,

Силеҳ асту хиргоҳу пардасарой,
Фузун з-он ки андеша орӣ[5] ба ҷой.

Зи аспону мардон биёбону кӯҳ,
Агар бишмарӣ, низ гардӣ сутӯҳ,

Ҳама шаҳрёрон маро кеҳтаранд,
Агар кеҳтариро худ андарх(в)аранд.

Агар ёбадӣ оби дарё равон,[6]
В-агар кӯҳро пой будӣ[7] давон,

Набардорад аз ҷой ганҷи маро,
Силеҳи маро, сози ранҷи маро.

Ҷуз аз порсимеҳтарат дар ҷаҳон
Маро шоҳ хонанд фаррухмеҳон.

Туро худ замон ҳам ба дасти ман аст,
Ба пеши равони ман ин равшан аст.

1. Л – равшан аст,
2. Л – ҷавшан аст.
3. Л – бишмарад
4. ИЛ –борону
5. И – орад
6. Л – забон,
7. Л – бошад

www.sattor.com

Агар ман зи ҷой андарорам сипоҳ,
Бубанданд бар мӯру бар пашша роҳ.

Ҳамон пили баргустувонкаш[1] ҳазор,
Ки бугрезад аз бӯи эшон савор.

Ба Эрону Тӯрон, ки пеш оядам,
К-аз он омадан ранҷ бифзоядам.

Аз эдар маро то дари Тайсафун
Сипоҳ асту бошад, к-ам ояд фузун.

Киат, эй бадандеш, бифрефтаст,
Фиребандаи ту магар шефтаст.

Туро бар тани хештан меҳр нест,
В-агар ҳаст, меҳри туро чеҳр нест,

Ки нашносад ин[2] чашми ту неку бад,
Газоф аз хирадёфта кай сазад.

Бипарҳез аз ин ҷангу назди[3] ман ой,
Намонам, ки бошӣ замоне ба пой.

Туро кадхудоиву духтар диҳам,
Ҳамон арҷмандиву афсар диҳам.

Биёбӣ ба наздики мо меҳтарӣ,
Шавӣ бениёз аз бади кеҳтарӣ.

Чу кушта шавад шоҳи Эрон ба ҷанг,
Маро бошад[4] он[5] тоҷу тахташ ба чанг.

Супорам ба ту тоҷу тахти варо,
Ҳамон афсару ганҷу рахти варо.

В-аз он ҷойгаҳ ман шавам сӯи Рум,
Туро монад он лашкару ганҷу бум.

1. И – баргустувонвар
2. Л – нашносадӣ; И –он
3. ИЛ–пеши
4. Л – Туро ояд
5. И – Туро бошад ин

www.sattor.com

Аз он гуфтам ин,[1] к-ам писанд омадӣ,
Бад-ин корҳо фарҳаманд омадӣ.

Сипаҳ сохтан донииву кимиё,
Сипаҳбад будастат падарру ниё.

Зи мо ин на гуфтори ороиш аст,
Маро бар ту-бар ҷои бахшоиш аст.

Бад-ин рӯз бо хормоя сипоҳ
Баробар яке сохтӣ размгоҳ.

Наёбӣ ҷуз ин низ пайғоми ман,
Агар сар бупечонӣ аз коми ман».

ПОСУХ ДОДАНИ БАҲРОМИ ЧӮБИНА СОВАШОҲРО

Фиристода гуфту сипаҳбад шунид,
Ба посух сухан тира омад падид.

Чунин дод посух, ки «ӣ баднишон,
Миёни бузургону гарданкашон.

Ҷаҳондори бесуди бисёргӯй
Намонад-т[2] назди касе обрӯй,

Ба пешин[3] сухан в-он чи гуфтӣ зи пас,[4]
Ба гуфтор дидам[5] туро дастрас.

Касеро, ки ояд замонаш ба сар,
Зи мардӣ ба гуфтор ҷӯяд ҳунар.

Шунидам суханҳои носудманд,
Дилам гашт тарсон зи біми газанд.

Яке он, ки гуфтӣ, кушам шоҳро,
Супорам ба ту кишвару гоҳро.

1. И – гуфтаам
2. И – Намонад-ш
3. Л – бешӣ
4. Л – бас,
5. Л-бинам

www.sattor.com

Яке достон зад бар ин марди меҳ,
Ки дарвешро чун битозӣ зи деҳ,

Ба ҳар ҷой гӯяд, ки меҳтар[1] будам,
Ҳама банда буданду ман сар[2] будам.

Бад-ин кор хур[3] барнаёяд ду рӯз,
Ки бифрӯзад аз чарх гетифурӯз,

Ки бар найзае-бар сарат[4] з-ин нишон
Фиристем[5] наздики шоҳи ҷаҳон.

Дигар он, ки гуфтӣ, ту аз духтарат,
Ҳам аз ганҷу аз лашкару кишварат,

Маро аз ту он гоҳ будӣ сипос,
Туро хондаме[6] шоҳи гетишинос,[7]

Ки духтар маро додаӣ он замон,
Ки аз тахти Эрон набурдӣ гумон.

Фиристодӣ аз кохи[8] ороста,
Ба наздики ман духтаре хоста.

Чу ман дӯст будӣ ба Эрон туро,
На разм омадӣ бо далерон туро.

Кунун найзаи ман ба гӯшат расид,
Саратро ба ханҷар бихоҳам бурид.

Чу рафтӣ, сару тоҷу ганҷат марост,
Ҳамон духтару бурда ранҷат марост.

Дигар он чи гуфтӣ бурун аз шумор,
Маро тоҷу тахт асту пили савор.

1. Л–Нагӯяд, ки ҷуз меҳтари деҳ
2. Л – мех; И – бартар
3. И –худ; Л – Бар ин рӯзи мо
4. Л – найза-бар сар-тро
5. Л – Фиристам ба
6. Л – гуфтаме
7. Л – мардумшинос; И – мардумшинос.
8. И – Фиристодиву гоҳи

www.sattor.com

Ҳамон достон зад яке номдор,
Ки печон шуд андар сафи корзор

Ки чандон кунад саг ба тезӣ шитоб,
Ки аз коми ӯ дуртар монад об.[1]

Бибурданд девон дилатро зи роҳ,
Чу[2] наздики шоҳ омадӣ размхоҳ.

Бупечӣ зи бодафраи эзадӣ,
Ҳам аз кардаи корҳои бадӣ.

Дигар он ки гуфтӣ, маро кеҳтаранд,
Бузургон, ки боточу боафсаранд,

Ҳама шорсонҳои гетӣ маррост,
Замона бар ин-бар, ки гуфтам, гувост,

Сӯи шорсонҳо кушодаст роҳ,
Чи кеҳтар бад-он роҳ пӯяд, чи шоҳ.

Агар ту бикӯбӣ дари шорсон,
Ба шоҳӣ наёбӣ магар хорсон.

Дигар он ки бахшуданӣ хондӣ,[3]
Зи мардӣ маро дур биншондӣ.[4]

Чу бинӣ синонам, набахшоиям,
Ҳамон зердастӣ нафармоиям.

Сипоҳи туро, боргоҳи[5] туро,
Ҳамон жандапилону гоҳи туро,

Чу саф баркашидам, надорам ба чиз,
Наяндешам аз лашкарат[6] як пашиз.

1. ИЛ – ҷоми
2. ИЛ – Ки
3. ИЛ – хондаӣ,
4. ИЛ – биншондаӣ.
5. ИЛ–кому роҳи
6. И – лашкаре

www.sattor.com

Агар шаҳрёрӣ ту, чандин дурӯғ
Бигӯӣ, нагирӣ ба гетӣ фурӯғ.[1]

Замон додаам шоҳро то се рӯз,
Чу пайдо шавад тоҷи гетифурӯз,

Баранд он саратро ба Эронсипоҳ,
Бубинанд бар найза бар пешгоҳ».[2]

Фиристода омад ба рух чун зарир,
Шуда борвар бахти барнош пир.

Ҳаме гуфт пайғом бо Совашоҳ,
Чу бишнид, шуд рӯи меҳтар сиёҳ.

Бад-ӯ гуфт Фағфур, к- «Ин лоба чист,
Бар он моя лашкар бибояд гирист».

Биёмад ба даҳлези пардасарой,
Бифармуд, то санҷу ҳиндидарой

Биёранд бо жандапилону кӯс,
Кунанд осмонро ба ранг обнӯс.

Чу ин номвар ҷангро кард соз,
Пурандеша шуд шоҳи гарданфароз.[3]

Ба фарзанд гуфт: «Эй, гузини сипоҳ,
Макун ҷанг то бомдоди пагоҳ».

Шуданд он ду рӯи сипаҳ боз ҷой,
Талоя биёмад зи пардасарой.

Барафрӯхтанд оташ аз ҳар ду рӯй,
Ҷаҳон гашт аз ин роз пургуфтугӯй.[4]

1. ТПЗ – Дигар гуфта будӣ писандидамат,
Ба испаҳбадӣ низ бугзидамат.
Писандидаам, то баланд омадам,
Ҷаҳондори худро писанд омадам.
2. Л – дар пеши шоҳ.
3. ТПМ– Битарсид аз ҷанги Баҳром сахт,
Бипажмурд шодоб барги дарахт.
4. Л – шуд аз овоз пургуфтугӯй; И – аз роз богуфтугӯй.

www.sattor.com

ХОБ ДИДАНИ БАҲРОМИ ЧӮБИНА ВА ЛАШКАР ОРОСТАН

Чу Баҳром дар хайма танҳо бимонд,
Фиристоду эрониёнро бихонд.

Ҳаме рой зад ҷангро бо сипоҳ,
Бар ин гуна то гашт гетӣ сиёҳ.

Бихуфтанд туркону озодагон,
Ҷаҳон шуд ҷаҳонҷӯйро ройгон.

Чу Баҳроми ҷангӣ ба хайма бихуфт,
Ҳама шаб дилаш буд бо дард[1] ҷуфт.

Чунон дид дар хоб Баҳроми шер,
Ки туркон шудандӣ ба ҷангаш далер,

Сипоҳаш саросар шикаста шудӣ,
Бар ӯ роҳи даргоҳ баста шудӣ.

Ҳаме хостӣ аз ялон зинҳор,
Пиёда бимондӣ, набудиш ёр.

Ғамӣ шуд, чу аз хоб бедор шуд,
Сари пурҳунар пур зи тимор шуд.

Шаби тира бо дарду ғам гашт ҷуфт,
Бипӯшиду он хоб бо кас нагуфт.

Ҳамон гоҳ Харроди Барзин зи роҳ
Биёмад, ки бугрехт аз Совашоҳ.[2]

Ба Баҳром гуфт: «Аз чӣ сахт эманӣ?
Нигаҳ кун бад-ин доми оҳарманӣ.

Мадеҳ ҷони эрониёнро ба бод,
Нигаҳ кун бад-ин номдорон ба дод.

---

1. Л – ҷанг
2. ТПЗМ – Ҳаме гуфт аз он чора андар гурез,
В-аз он лашкари гашну он растахез,
Ки кас дар ҷаҳон з-он фузунтар сипоҳ
Набинад, ки ҳастанд бо Совашоҳ.

www.sattor.com

Ба мардӣ бубахшой бар ҷони хеш,
Ки ҳаргиз-т н-ояд чунин кор пеш».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к- «Аз шаҳри ту,
Зи мардӣ наёмад ҷуз ин баҳри ту,

Ки моҳӣ фурӯшанд яксар[1] ҳама
Ба таммуз то рӯзгори дама.

Туро пеша дом асту ҷой[2] обгир,
На марди синониву кӯполу тир.

Чу хур барзанад сар[3] зи кӯҳи сиёҳ,
Намоям туро ҷанги шоҳу сипоҳ».[4]

Чу сар барзад аз чашмаи шер шед,
Ҷаҳон гашт чун рӯи румӣ сапед.

Бизад нойи рӯину барзад хурӯш,
Замин омад аз наъли аспон ба ҷӯш.

Сипаҳро биёросту худ барнишаст
Яке гурзи пархошдида ба даст.

Шумурданд бар маймана се ҳазор
Зиреҳдори корозмуда савор.

Фиристод бар майсара ҳамчунин,
Саворони ҷангиву мардони кин.

Ба як даст-бар буд[5] Эздгушасп,
Ки бугзоштӣ оби дарё бар асп.

Ба дасти чапаш буд Кундогушасп,
Парастандаи фаррух Озаргушасп.

Паси пушти эшон Ялонсина буд,
Сипоҳе, ки дар ҷанг дерина буд.

1. Л – моҳе
2. И – дом аст; ё Л – дом аст бо
3. Л – сар барорад
4. ТПЗ – Бубинӣ ту он пилу он лашкараш,
Ба хок- андар афканда бо пайкараш.
5. Л – Биёрост бар қалб

www.sattor.com

Ба қалб[1] -андарун буд Ҳамдонгушасп,
Ки дар най задӣ оташ аз наъли асп.

Або ҳар яке шуд[2] ҳазор аз ялон,
Саворони ҷангиву сангиндилон.[3]

Хурӯше баромад зи пеши сипоҳ,
Ки «Эй гурздорони зарринкулоҳ,

Зи лашкар касе, к-ӯ гурезад зи ҷанг,
Агар шер пеш оядаш, гар[4] паланг,

Ба Яздон, ки аз тан бибуррам сараш,
Бар оташ бисӯзам тани бебараш!»

Ба ду сӯи лашкар-ш ду роҳ буд,
Ки бугрехтан роҳ кӯтоҳ буд.

Баровард даҳ раш ба гил ҳар ду роҳ,
Ҳаме буд худ дар миёни сипоҳ.

Дабири бузурги ҷаҳондоршоҳ
Биёмад бари паҳлавони сипоҳ.

Бад-ӯ гуфт, к- «Инро худ андоза нест,
Агар бишмарӣ, ин сухан тоза нест.

Зи лашкар нигаҳ кун бад-ин размгоҳ,
Ки мӯи сапедему гови[5] сиёҳ.[6]

На хок аст пайдо, на дарё, на кӯҳ
Зи бас теғдорони тӯронгурӯҳ».

Яке бархурӯшид Баҳром сахт,
Бад-ӯ гуфт, к- «Эй баддили шӯрбахт,

1. ИЛ –пеш
2. ИЛ–се
3. ИЛ – сангиндилон.
4. ИЛ – ё
5. Л –сапедем миёни
6. ТПИЛМ – Бад-ин ҷанг Эрон чу найрон шавад,
Бару буми мо пок вайрон шавад.

www.sattor.com

Туро аз давот асту қиртос кор[1],
Зи лашкар кӣ гуфтат, ки мардум шумор?!»[2]

Биёмад, ба Харроди Барзин бигуфт,
Ки «Баҳромро нест ҷуз дев ҷуфт.

Бичустанд ду пир[3] роҳи гурез,
Бад-он то набинанд ин[4] растахез.

Зи бими шаҳаншоҳу борони тир
Ҳаме лаб газиданд ҳар ду дабир.

Яке тундболо буд аз разм дур
Ба як сӯ зи роҳи саворони Тӯр.

Бирафтанд ҳар ду бар он- бар зи роҳ,
Ки шоист кардан ба лашкар нигоҳ.[5]

Ниҳоданд бар турку Баҳром чашм,
Ки то чун кунад ҷанг ҳангоми хашм.

Чу Баҳроми ҷангӣ сипаҳ рост кард,
Хурӯшон баромад зи ҷои набард.

Биғалтид дар пеши Яздон ба хок,
Ҳаме гуфт, к- «Эй довари доду пок,

Гар ин ҷанг бедод бинӣ ҳаме,
Зи ман Соваро баргузинӣ ҳаме,

Ҳам ӯро ба ҷанг[6] -андар ором деҳ,
Бар эрониён – бар варо[7] ком деҳ.

В-агар ман зи баҳри ту кӯшам ҳаме,
Ба разм- андарун сар фурӯшам ҳаме,

Марову сипоҳи маро шод кун,
В-аз ин ҷанги мо гетӣ обод кун».

1. ИЛ –бар,
2. ИЛ – шумар.
3. Л –Дабирон бичустанд
4. ИЛ –набинад касе.
5. Л – б. 836 нест.
6. Л – Диламро ба разм
7. Л –ӯро.

www.sattor.com

Хурӯшон аз ин ҷойгаҳ барнишаст
Яке гурзаи говпайкар ба даст.[1]

РАЗМ КАРДАНИ БАҲРОМИ ЧӮБИНА БО СОВАШОҲ

Чунин гуфт пас бо сипаҳ[2] Совашоҳ,
Ки «Аз ҷодуӣ андароред роҳ,

Бад-он то дилу чашми эрониён
Бупечад, наёяд шуморо зиён».

Ҳама ҷодувон ҷодуӣ сохтанд,
Ҳаме дар ҳаво оташ андохтанд.[3]

Баромад яке боду абри сиёҳ,
Ҳаме тир борид аз ӯ бар сипоҳ.

Хурӯшид Баҳром, к- «Эй меҳтарон,
Бузургони Эрону кундоварон,

Аз ин ҷодуиҳо бихобед чашм,
Ба ҷанг андароред лашкар ба хашм,

Ки он сарбасар тунбалу ҷодуист,
Зи чора бар эшон бибояд гирист».

Хурӯше баромад зи эрониён,
Бубастанд хун рехтанро миён.

Нигаҳ кард аз он размгаҳ Совашоҳ,
Ки он ҷодуиро надоданд роҳ.[4]

---

1. ТПЗ – Чу Рустам, ки дар ҷанги Комус буд,
Дили шермардон пур аз бӯс буд.
Буд ӯ Рустами он замона ба ҷанг,
Паланге ба зераш, наҳанге ба чанг.
2. Л – бо лашкараш
3. ТПЗ – Яке ҷодуе барнишаста ба шер,
Ба боло баланду ситабру далер.
Ба як даст будиш мори бузург,
Ба дасти дигар аждаҳои сутург.
Намуд ончунон, к-аспу марду сипоҳ
Ҳаме оташ афрӯхт дар размгоҳ.
4. ТПЗ – Ҳаме дид, к-омад-ш бадхоҳ беш,
Сипоҳ аз пасу гурд Баҳром пеш.

www.sattor.com

Биёвард лашкар сӯи майсара,
Чу гург андаромад ба пеши бара.

Чу як рӯй лашкар ба ҳам баршикаст,
Сӯи қалб Баҳром ёзид даст.

Нигаҳ кард Баҳром аз он қалбгоҳ,
Гурезон сипаҳ дид пеши сипоҳ.

Биёмад,[1] ба найза се танро зи зин
Нагунсор барзад ба рӯи замин.

Ҳаме гуфт: «Аз ин сон бувад корзор,
Ҳамин буд расму ҳамин аст[2] кор.

Надоред шарм аз Худои ҷаҳон,
На аз номдорони фаррухмеҳон».

Ваз он пас биёмад сӯи маймана,
Чу шери жаён, к-ӯ бувад[3] гурсуна.

Чунон лашкареро зи ҳам бардарид,
Дирафши сипаҳдор шуд нопадид.

В-аз он ҷойгаҳ шуд сӯи қалбгоҳ,
Бад-он сӯ, ки солор буд[4] бо сипоҳ.

Бад-ӯ гуфт: «Баргашта бод ин сухан,
Гар эдун, ки ин разм гардад куҳан.

Пароканда гардад ба ҷанг ин[5] сипоҳ,
Нигаҳ кун кунун то кадом аст роҳ.

Бирафтанду ҷустанду роҳе набуд,
К-аз он роҳ шоист боло намуд».

Чунин гуфт бо лашкаророи хеш,
Ки девори мо оҳанин аст пеш.[6]

1. Л – Баромад,
2. ИЛ – буд
3. Л – жиёну дамон
4. Л – шуд
5. Л – он
6. И – б. 865, 866 нест.

www.sattor.com

Ҳар он кас, ки ӯ рахна донад задан,
Зи девор берун тавонад шудан.

Шавад эмину ҷон ба Эрон барад,
Ба наздики шоҳи далерон барад.

Ҳама дил ба хун рехтан барниҳед,
Сипар бар сар ореду ханҷар диҳед.[1]

Агар бахти бедорамон бар диҳад,
Бад-ин ранҷҳо тахту афсар диҳад.

Зи Яздон набошад касе ноумед,
Магар тира бинед рӯзи сапед».

Чунин гуфт бо меҳтарон Совашоҳ,
Ки «Пилон биёред пеши сипоҳ.

Ба анбӯҳ лашкар ба ҷанг оваред,
Бар эшон ҷаҳон тору танг оваред».

Чу аз дур Баҳром пилон бидид,
Ғамӣ гашту теғ аз миён баркашид.[2]

В-аз он пас чунин гуфт бо меҳтарон,
Ки «Эй номдорону ҷанговарон,[3]

Камонҳои чочӣ ба зеҳ барниҳед,
Ҳама яксара тарг бар сар ниҳед.

Ба ҷону сари шаҳрёри ҷаҳон,
Гузини бузургону тоҷи беҳон,[4]

Ки ҳар кас, ки ӯро камон асту тир,
Камонро ба зеҳ барниҳад ногузир.

Ходанге, ки пайкон-ш ёзад ба хун,
Сечӯба ба хартуми пил- андарун,

1. Л – Ҳама яксара тарг бар сар ниҳед.
2. Л – б. 874 нест.
3. Л –Пас аз б. 875 ин б. омада:
Бикӯшед, то ному нанг оваред,
Сари душманон зери чанг оваред.
4. ИЛ – меҳон.

www.sattor.com

Нишонеду пас гурзҳо баркашед,
Ба ҷанг андароеду душман кушед.

Сипаҳбад камонро ба зеҳ барниҳод,
Яке хӯдпӯлод бар сар ниҳод.

Ба пеш- андарун тирборон гирифт,
Камонро чу абри баҳорон гирифт.

Паси пушти ӯ андаромад сипоҳ,
Ситора шуд аз парру пайкон сиёҳ.

Бисуфтанд хартуми пилон ба тир,
Зи хун шуд дару дашт чун обгир.

Чу пил ончунон захми пайкон бидид,
Ҳама лашкари хешро биспарид.

Аз он хастагӣ пушт баргоштанд,
Дару дашти пайкор бугзоштанд.[1]

Сипоҳ андаромад паси пушти пил,
Замин шуд ба кирдори дарёи Нил.

Сипаҳ барҳам афтоду чанде бимурд,
Ҳамон бахти бад комгорӣ бибурд.

Тале буд хуррам бад-он ҷойгоҳ,
Паси пушти он ранҷдида сипоҳ.[2]

Яке тахти заррин ниҳода бад- ӯй,
Нишаста бар ӯ Соваи размҷӯй,

Сипаҳ буд чун кӯҳи оҳан равон,
Ҳама сар пур аз гарду тира равон.

Паси пушташон жандапилони маст,
Ҳаме кӯфтанд он сипаҳро ба даст.

Пур аз об шуд дидаи Совашоҳ,
Бад-он то чаро шуд ҳазимат сипоҳ.

1. Л – б. 886 нест.
2. Л – б. 889 нест.

www.sattor.com

Нишаст аз бари тозиаспи саманд,
Ҳаме тохт тарсон зи бими газанд.

Паси Сова Баҳром чун пили маст,
Каманде ба бозу камоне ба даст.

Ба лашкар чунин гуфт: к-эй саркашон,
Зи бахти бад омад бар эшон нишон.

На ҳангоми роз асту рӯзи сухан,
Битозед бо теғҳои куҳан.

Бар эшон яке тирборон кунед,
Бикӯшеду кори саворон кунед!»

Бар он тал баромад куҷо Совашоҳ,
Ҳаме буд бо тахту зарринкулоҳ.

Варо дид бар тозие чун ҳизабр,
Ҳаме тохт бар дашт бар сони бабр[1],

Хаданге гузин карду пайкон чу об,
Ниҳода бар ӯ чор парри уқоб.

Бимолид чочикамонро ба даст,
Ба чарми гавазн андаровард шаст.

Чу чап рост карду хам овард рост,
Хурӯш аз хами чархи чочӣ бихост.[2]

Чу бугзашт пайкон бар[3] ангушти ӯ,[4]
Гузар кард бар мӯҳраи пушти ӯ.[5]

Сари Сова омад ба хок- андарун,
Ба зер -андараш ҷой шуд ҷӯи хун.

Шуд он тоҷвар шоҳ чандон сипоҳ,
Ҳамон тахти заррину заррин кулоҳ.

---

1. ИЛ – абр.
2. ИЛ – б. 903 нест.
3. И – пайкон бибӯсид
4. И – ӯй,
5. И – мӯҳра бар пушти ӯй.

www.sattor.com

Чунин аст кирдори гардонсипеҳр,
На бо меҳрубониш ёбӣ ту чеҳр.[1]

Нигар, то нанозӣ ба тахти баланд,
Чу эмин шавӣ, сахт тарс аз газанд,

Чу Баҳроми ҷангӣ расид андар ӯй,
Кашидаш бар он хоки тира ба рӯй.

Бурид он сари шоҳвор[2] аз танаш,
Наёмад яке хеш пероманаш.

Чу туркон расиданд наздики шоҳ,
Фиканда тане буд пурхун ба роҳ.[3]

Ҳама баргирифтанд яксар хурӯш,
Замин пурхурӯшу ҳаво пур зи ҷӯш.

Писар гуфт, к- «Ин эзадӣ кор буд,
Ки Баҳромро бахт бедор буд».

Зи тангӣ куҷо роҳ буд бар сипоҳ,
Фаровон бимурд андар он тангроҳ.

Басе пил биспард мардум ба пой,
Нашуд[4] з-он сипаҳ даҳяке боз ҷой.

Чи зери пайи пил гашта табоҳ,
Чи сарҳо бурида ба овардгоҳ.

КУШТАНИ БАҲРОМИ ЧӮБИНА ҶОДУЙРО

Чу бугзашт аз он рӯзи беҳ нӯҳ замон,
Надиданд зинда яке бадгумон.

Магар он ки буданд баста асир,
Равонҳо зи ғам хаставу тан ба тир.

1. Л – на меҳр.
2. И – тоҷдор
3. Л – б. 911 нест.
4. И - турк.

www.sattor.com

Ҳама роҳ баргустувон буду тарг,
Саронро зи тарг[1] омад он рӯзи марг.

Ҳамон теғи ҳиндиву тиру камон,
Зи ҳар сӯ, ки афканда буд бадгумон.[2]

Зи кушта чу дарёи хун буд замин,
Ба ҳар гӯшае монда аспе ба зин.

Ҳаме гашт Баҳром гирди сипоҳ,
Ки то кист кушта зи Эрон, табоҳ.

В-аз он пас ба Харроди Барзин бигуфт:
«Як имрӯз бо ранҷи мо бош[3] ҷуфт.

Нигаҳ кун, к-аз эрониён кушта кист,
К-аз он дард моро бибояд гирист».

Ба ҳар ҷой Харроди Барзин бигашт,
Ба ҳар пардаву хаймае баргузашт.

Кам омад зи лашкар яке номвар,
Ки Баҳром буд номи он пурҳунар.

Зи тухми Сиёвуш гаве, меҳтаре,
Сипаҳбаднажоде зи[4] Эрон саре[5]

Ҳаме рафт ҷӯянда чун беҳушон,
Магар з-ӯ биёбад ба ҷое нишон.

Тани хаставу кушта чанде кашид,
Зи Баҳром ҷое нишоне надид.[6]

Сипаҳдор аз он кор шуд дардманд,
Ҳаме гуфт зор: «Эй гави ҳушманд!»[7]

Замоне бимонду падид омад ӯй,
Дари бастаро чун калид омад ӯй,

1. Л – бишуд
2. Л –б. 917–920 нест.
3. Л – Ки як рӯз бо ранҷ бошед
4. Л – Сипаҳбаднажодеву
5. И – Сипаҳбаднажодеву кундоваре
6. И – б. 929, 930 нест.
7. И – судманд.

www.sattor.com

Або сурх[1] турке, баде гурбачашм,
Ки гуфтӣ дил озурда дорад ба хашм.

Чу Баҳром Баҳромро дид гуфт,
Ки «Ҳаргиз мабодӣ ту бо хок ҷуфт!»

В-аз он пас бипурсид аз он турки зишт,
Ки «Эй дӯзахирӯи дур аз биҳишт,

Чӣ мардиву зоду нажоди ту чист,
Ки зояндаро бар ту бояд гирист».

Чунин дод посух, ки «Ҷоду будам,
Аз озодмардӣ ба як сӯ будам.

Ҳар он гаҳ[2] ки солор бошад ба ҷанг,
Ба кор оядаш рӯзгори диранг.

Ба шаб чизҳое намоям ба хоб,
Ки оҳистагонро[3] кунам пуршитоб.

Туро ман намудам шаб он хоби бад,
Бад-он гуна то бар сарат бад расад.[4]

Маро чора з-он беш боист ҷуст,
Чу найрангҳоро накардам дуруст.

Ба мо ахтари бад чунин бозгашт,
Ҳама ранҷ бо бод анбоз гашт.

Агар ёбам аз ту ба ҷон зинҳор,
Яке пурҳунар ёфтӣ дӯстдор».

Чу бишнид Баҳрому андеша кард,
Дилаш гашт пурдарду рухсора зард.

Замоне ҳаме гуфт, к- «Ин рӯзи ҷанг
Ба кор оядам, чун шавад кор танг».

1. И – сурха
2. Л – Ту. ИЛ – кас.
3. Л – оҳистагиро
4. И – б. 938, 939 нест

www.sattor.com

Замоне ҳаме гуфт бар Совашоҳ,
Чӣ суд омад аз Ҷодуи тирароҳ?

Ҳама некӯиҳо зи Яздон шинос,[1]
Касеро, ки дорад зи Яздон сипос.[2]

Бифармуд аз он пас буридан сараш,
Ҷудо кард ҷон аз тани бебараш.

Чу ӯро бикуштанд, бар пой хост,
Чунин гуфт, к- «Эй довари доду рост,

Бузургиву пирӯзиву фарраҳӣ,
Баландиву дайҳими шоҳаншаҳӣ,

Нажандиву ҳам шодмонӣ зи туст,
Анӯша далере, ки роҳи ту ҷуст».

В-аз он пас биёмад дабири бузург,
Чунин гуфт, к-«Эй паҳлавони сутург,

Фаридуни ял чун ту як паҳлавон
Надиду на Баҳрому Нӯшинравон,

Ҳамат шермардӣ, ҳам авранду банд,
Замона паноҳӣ, замона газанд.

Ҳама шаҳри Эрон ба ту зиндаанд,
Ҳама паҳлавонон туро бандаанд.

Ба ту гашта тахти баландӣ баланд,
Ба ту зердастон шуда бегазанд.

Сипаҳбад туӣ, ҳам сипаҳбаднажод,
Хунук мом, к-ӯ чун ту фарзанд зод!

Ки фаррухнажодиву фаррухпайӣ,
Зи ҳар гуна бо фарру бихрад[3] кайӣ».

Пароканда гаштанд аз он ҷойгоҳ
Бузургону ҳам паҳлавонони шоҳ.

1. Л – бувад,
2. Л – кучо бахт хандон бувад
3. Л – Ба ҳар борае тоҷварфаш

www.sattor.com

ФИРИСТОДАНИ БАҲРОМИ ЧӮБИНА ФИРӮЗНОМАРО БО САРИ СОВАШОҲ НАЗДИ ҲУРМУЗД

Шаби тира чун зулфро тоб дод,
Ҳамон тоби ӯ чашмро хоб дод.

Падид омад он пардаи обнӯс,
Баросуд гетӣ зи овози кӯс.

Ҳаме гашт гардун, шитоб омадаш,
Шаби тираро дерёб омадаш.

Баромад яке зардкиштӣ аз об,
Биболид ранҷу биполуд хоб.

Сипаҳбад биёмад, фиристод кас
Ба наздики ёрони фарёдрас,

Ки то ҳар кӣ шуд кушта аз меҳтарон,
Бузургони туркону ҷангисарон,

Сароншон бибурранд яксар зи тан,
Касеро, ки буд меҳтари анҷуман.

Дирафши дурафшон паси ҳар саре,
Ки буданд аз он ҷангиён афсаре,

Асирону сарҳо ҳама гирд кард,
Бибурданд аз овардгоҳи набард.

Дабири нависандаро пеш хонд,
Зи ҳар дар фаровон суханҳо биронд.

Аз он лашкари номвар бешумор
В-аз он ҷунбишу гардиши рӯзгор

В-аз он чангу он чора аз ҳар даре,
Куҷо рафта буд бо чунон лашкаре,

В-аз он кӯшишу ҷанги эрониён,
Ки накшод рӯзе саворе миён.

Чу он нома бинвишт наздики шоҳ,
Гузин кард пӯяндае аз сипоҳ.

www.sattor.com

Нахустин сари Сова бар найза кард,
Дирафше, ки ӯ доштӣ дар набард.

Сарони бузургони Тӯронзамин,
Чунон ҳам дирафши саворони Чин,

Бифармуд, то бар сутури наванд
Ба зудӣ бари шоҳи Эрон баранд.

Асирону он хоста, ҳар чӣ буд,
Ҳаме дошт андар Ҳарӣ нобисуд.

Бад-он то чӣ фармон диҳад шаҳрёр,
Фиристод бо сар саворони кор.

Ҳамон, то бувад низ дастури шоҳ
Сӯи ҷанги Пармуда бурдан сипоҳ.

Сутури наванд андаромад зи ҷой,
Ба пеши саворон яке раҳнамой.[1]

В-аз он рӯй туркон ҳама барҳана
Бирафтанд бесозу аспу буна.[2]

Расиданд яксар ба Тӯронзамин
Саворони турку саворони Чин.

Чу омад ба Пармуда он огаҳӣ,
Бияндохт аз сар кулоҳи меҳӣ».

Хурӯше баромад зи туркон ба зор,
Бар он меҳтарон талх шуд рӯзгор.

Ҳама сар пур аз гарду дида пуроб,
Касеро набуд хӯрду орому хоб.

В-аз он пас гавонро бари хеш хонд,
Зи мижгон ҳаме хуни дил барфишонд.

---

1. И – б. 979 нест:
ТПЗЛ – Кашиданд ранҷу сипарданд роҳ,
Бад-он то ба зудӣ бубинанд шоҳ.
Бибурданд наздики шоҳи ҷаҳон
Дуруде ҳам аз паҳлавону меҳон.*
* Л – Танҳо б. дуюм мавҷуд аст.
2. Л-б. 975–980 нест.

www.sattor.com

Бипурсид, к-«Ин лашкари бешумор
Гаҳи разм ҷустан накарданд кор?»

Чунин дод посух яке раҳнамун,
Ки «Мо доштем он сипаҳро забун.

Чу Баҳроми ҷангӣ ба ҳангоми кор
Набинад кас андар ҷаҳон як савор.

Набуд лашкараш з-они мо садяке,
Нахаст аз далерони ӯ кӯдаке.

Ҷаҳондор Яздон варо баркашид,
Чу з-ин[1] беш гӯям, набояд[2] шунид».

Чу Пармуда бишнид гуфтори ӯ,
Пурандеша гашташ дил аз кори ӯ.

Биҷӯшиду рухсорагон зард кард,
Ба дарди дил оҳанги овард кард.

Сипаҳбад аз он ҷангиён сад ҳазор,
Ҳама номдор аз дари корзор.

Зи даргоҳ[3] лашкар ба ҳомун кашид,
Ба наздикии рӯди Ҷайҳун кашид.[4]

В-аз он ҷо, куҷо номаи паҳлавон
Биёмад бари пури Нӯшинравон.[5]

Нишаста ҷаҳондор бо меҳтарон,
Ҳаме гуфт: «Бечора, эй сарварон!

Ду ҳафта бар ин боргоҳи меҳӣ
Наёмад зи Баҳром ҳеҷ огаҳӣ.

Чӣ гӯеду з-ин пас чӣ шояд будан,
Бибояд бад-ин достонҳо задан?».

---

1. Л – Аз ин
2. Л – бибояд
3. ИЛ – хиргоҳ
4. ТПЗ – Бад-он то ба кини падар сарфароз
Ба Баҳроми Чӯбина орад гудоз.
5. Л – шоҳи равшанравон.

www.sattor.com

Ҳамон гаҳ ки гуфт ин сухан шаҳрёр,
Биёмад зи даргоҳ солори бор.

Шаҳаншоҳро з-он сухан мужда дод,
Ки ҷовид бодо ҷаҳондор шод!

Ки Баҳром бар Сова пирӯз гашт,
Ба разм- андарун гетиафрӯз гашт.

Сабук марди Баҳромро пеш хонд,
В-аз он номдорон-ш бартар нишонд.[1]

Фиристода гуфт: «Эй сарафроз шоҳ,
Ба коми ту шуд кори он размгоҳ.

Анӯша бизӣ шоду ромиш пазир,
Ки бахти бадандеши ту гашт пир.

Сари шоҳ Сова ва кеҳтар писар,
Ки Фағфур хондӣ мар ӯро падар,

Зада бар сари найзаҳо бар дар аст,
Ҳама шаҳр наззораи он сар аст.

Шаҳаншоҳ бишнид, бар пой хост,
Ба зудӣ хам овард болои рост.

Ҳаме буд бар пеши Яздон ба пой,
Ҳаме гуфт: «Эй довари раҳнамой,

Бадандеши моро ту кардӣ табоҳ,
Туӣ офаринандаи ҳуру моҳ.

Чунон зору навмед будам зи бахт,
Ки гуфтам нагун андароям[2] зи тахт.

Сипаҳбад накард он, на ҷангӣ сипоҳ,
Ки Яздон буд ин бандаро некхоҳ».

---

1. ТПЗ – Бипурсидаш аз лашкару паҳлавон
В-аз он номдорону фаррух гавон.
2. И – душман нагун андар омад

www.sattor.com

Баровард[1] ганҷе, дирам сад ҳазор,
Зи ганҷе, ки буд аз падар ёдгор.

Сеяк[2] он дирамро[3] ба дарвеш дод,
Парастандагонро дирам беш дод.

Ва дигар сеяк пеши оташкада,
Ҳамон меҳри Наврӯзу ҷашни Сада.

Фиристод то ҳирбадро диҳанд,
Ки дар пеши оташкада барниҳанд.[*4]

Севум баҳра ҷое, ки вайрон бувад,
Работе, ки андар биёбон бувад,

Кунад яксар обод, ҷӯяндамард,
Набошад ба роҳ- андарун биму дард.

Бубахшид пас чорсола хироҷ
Ба дарвешу онро, ки буд тахту тоҷ.

Набиштанд пас нома аз шаҳрёр
Ба ҳар кишваре назди ҳар номдор,

Ки Баҳром пирӯз шуд бар сипоҳ,
Буриданд бетан сари Совашоҳ.

Парастанда шуд шоҳ ду ҳафта рӯз,
Чу барзад сар аз чарх гетифурӯз,

Фиристодаи паҳлавонро бихонд,
Мар ӯро[5] бари номдорон нишонд.

Мар он номаро зуд посух навишт,
Дарахте ба боғи бузургӣ бикишт.

Яке тахти симин фиристод низ,
Чу наълайни заррину ҳар гуна чиз.

1. Л – Биёвард
2. И – Сабук
3. Л – з-он ду ганҷе
4. М – барниҳанд.
5. Л – Ба шодӣ

www.sattor.com

Зи Ҳайтол то пеши рӯди бузург,
Бидодаш бад-он паҳлавони сутург.

Бифармуд, к-он хоста бар сипоҳ
Бубахш, он чи овардаӣ ту зи роҳ.

Магар ганҷи вижа тани Совашоҳ,
Ки овард бояд бад-ин боргоҳ.

В-аз он пас ту пайкори Пармуда соз,
Ҳамон то шавад шоҳ гарданфароз.

Ҳам эрониёнро фиристод чиз
Набишта ба ҳар шаҳр маншур низ.

Фиристодаро хилъат օростанд,
Пас аспи гусибандагон[1] хостанд.

Фиристода чун назди[2] Баҳром шуд,
Сипаҳдор аз ӯ шоду падром шуд.

Ғанимат бубахшид пас бар сипоҳ,
Ҷуз аз ганҷи нопокдил Совашоҳ.

Фиристод бо ӯ саворони хеш,
Ҷаҳондидаву номдорони хеш.

Бибурданд[3] яксар ба даргоҳи шоҳ,
Сипаҳбад сӯи ҷанг шуд бо сипоҳ.

РАЗМИ БАҲРОМИ ЧӮБИНА БО ПАРМУДА, ПИСАРИ СОВАШОҲ ВА ГУРЕХТАНИ ПАРМУДА БА ОВОЗАДИЖ

Аз ӯ чун ба Пармуда рафт огаҳӣ,
Ки ҷӯяд ҳаме тахти шоҳаншаҳӣ,

Диже дошт Пармуда, Овоза ном,
К-аз ин диж будӣ эману шодком.

1. И – гусипаҳлавон
2. ИЛ – пеши
3. И – Ба наздик

www.sattor.com

Ниҳод, он чи будаш, бад-ӯ-дар дирам,
Зи динору аз гавҳару беш кам.

Зи Ҷайҳун гузар кард худ бо сипоҳ,
Биёмад гурозон сӯи размгоҳ.

Ду лашкар чу танг андаромад ба ҷанг,
Ба раҳ-бар накарданд ҷое диранг.

Ба ду манзил аз Балх ҳар ду сипоҳ
Гузиданд шоиста як размгоҳ.

Миёни ду лашкар ду фарсанг буд,
Ки паҳнои дашт аз дари ҷанг буд.

Дигар рӯз Баҳроми ҷангӣ бирафт,
Ба дидори гурдони Пармуда тафт.

Нигаҳ кард Пармуда, ӯро бидид,
Зи ҳомун яке тундболо гузид.

Сипаҳро саросар ҳама барнишонд,
Чунон шуд, ки дар дашт ҷое намонд.

Сипаҳ дид Пармуда чандон, ки дашт
Ба дидори эшон ҳаме хира гашт.

Варо дид, к-аз пеши он лашкараш
Ба гардун баровард[1] ҷангӣ сараш.[2]

Рамӣ гашту бо лашкари хеш гуфт,
Ки «Бо пешрав Аҳриман гашт ҷуфт.

Шумори сипоҳаш падидор нест,
Ҳам ин размро кас харидор нест.

Сипаҳдори гарданкашу хашмнок,
Ҳаме хун шавад зери ӯ тирахок.

Чу шаб тира гардад, шабехун кунем,
Зи дил тарсу андеша берун кунем».

---

1. И – ҳамебурд
2. ТПМ – Шигифтӣ бар ин бурзу ёлаш бимонд,
Фаровон ҳаме номи Яздон бихонд.

www.sattor.com

Чу Пармуда омад ба пардасарой,
Ҳаме зад зи ҳар гуна аз ҷанг рой.

Ҳаме гуфт, к-«Ин аз ҳунарҳо якест,
Агарчи сипаҳшон кунун андакест.

Саворону аспони пурмояанд,
Зи гарданкашон бартарин пояанд.

Силеҳ[1] асту Баҳромашон пешрав,
Ки гардад синон пеши ӯ хора хав.

Ба пирӯзии Совашоҳ- андарун,
Гирифта дилу маст гашта ба хун.

Агар ёр бошад ҷаҳонофарин,
Ба хуни падар ҷӯям аз кӯч кин».

Бад-он гаҳ ки Баҳром буд[2] ҷангҷӯй,
Аз Эрон сӯи Турк бинҳод рӯй.

Ситорашумар гуфт Баҳромро,
Ки дар чоршанбе мазан гомро.

Агар з-ин бупечӣ, газанд оядат,
Ҳамон кори носудманд оядат.

Яке боғ буд дар миёни сипоҳ,
Аз ин рӯю он рӯи овардгоҳ.[3]

Бишуд чоршанбе ҳам аз бомдод,
Бад-он боғ, к-имрӯз бошем шод.

Бибурданд пурмоя густурданӣ,
Май оварду ромишгару хӯрданӣ.

Биёмад дар он[4] боғу май даркашид,
Чу посе зи тирашаб андаркашид,

1. Л – Салоҳ
2. ИЛ – шуд
3. И – сӯю он рӯи ӯ размгоҳ.
4. Л –бад-он; И – бар он

www.sattor.com

Талоя биёмад, ба Пармуда гуфт,
Ки «Баҳромро шуд маю ҷом ҷуфт».

Сипаҳдор аз он ҷангиён шаш ҳазор,
Зи лашкар гузин кард гурду савор.

Фиристод, то гирд бар гирди боғ
Бигиранд гарданкашон бечароғ.

Сипаҳбад чу огаҳ шуд аз корашон,
Зи ройи ҷаҳонҷӯву бозорашон,

Ялонсинаро гуфт, к- «Эй сарфароз,
Ба девори боғ- андарун рахна соз!»

Пас он гоҳ Баҳрому Эзадгушасп
Нишастанд бо ҷангҷӯён бар асп.

Бар[1] он рахнаи боғ берун шуданд,
Кӣ донист, к-он саркашон чун шуданд.

Баромад зи дар нолаи карраной,
Сипаҳбад ба ҷанг андаромад зи ҷой.

Сабук[2] рахнаи дигар андарзаданд,
Сипаҳро якояк ба ҳам барзаданд.

Ҳаме тохт Баҳром хиште ба даст,
Чунон чун бувад мардуми ниммаст.

Наҷастанд ҷуз андак аз дасти ӯй,
Ба хун буд ёзон сари масти ӯй.

Баромад чакочоки захми сарон
Чу пӯлод бо[3] путки оҳангарон.

Аз он боғ то ҷои Пармудашоҳ
Тани бесарон буд фиканда ба роҳ.

Чу омад ба лашкаргаҳи хеш боз,
Шабехун сиголид гарданфароз.

---

1. Л – Аз
2. И – Бад-он
3. Л–пӯлодро

www.sattor.com

Чу ниме зи тирашаб андаргузашт,[1]
Сипаҳдори ҷангӣ миёнро бубаст.[2]

Сипаҳбад бар он сӯй лашкар кашид,
Зи турконталоя кас ӯро надид.

Чу омад ба наздикии размгоҳ,
Дами нойи сарғин баромад ба моҳ.

Чу дар шаб хурӯш омад аз карраной,
Бичастанд туркони ҷангӣ зи ҷой.[3]

Ба торикӣ- андар деҳодеҳ бихост
Зи дасти чапи лашкару дасти рост.

Яке мар дигарро надонист боз,
Шаби тираву найзаҳои дароз.

Зи[4] ханҷар ҳаме оташ афрӯхтанд,
Ҳавою заминро ҳаме сӯхтанд.

Зи туркони ҷангӣ фаровон намонд,
Зи хун сангҳо ҷуз ба марҷон намонд.

Гурезон ҳаме рафт меҳтар чу гард,
Даҳон хушку лабҳо шуда ложвард.

Чунин то сапедадамон бардамид,
Шаби тирагун доман андаркашид.

Сипаҳдори Эрон ба туркон расид,
Хурӯше чу шери жаён баркашид.

Ба Пармуда гуфт: «Эй гурезанда мард,[5]
Ту гирди далерони ҷангӣ магард!

На мардӣ ҳанӯз, эй писар, кӯдакӣ,
Раво бошад, ар шири модар макӣ!»

1. И – шикаст,
2. Л –биёмад ба дашт.
3. ТПЗЛ – Зи лашкар баромад бар он сон хурӯш,
Ки шери жаёнро бидаррид гӯш.
4. И – Ба
5. Л – б. 1086 нест.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй газоянда шер.
Ба хун рехтан чанд бошӣ далер?!

Зи хуни радон сер шуд рӯзи ҷанг
Ба дарё наҳангу ба хушкӣ паланг.

Нахоҳӣ шуд аз хуни мардон ту сер,
Бар онам, ки ҳастӣ ту даррандашер.

Буридӣ сари Совашоҳ он ки меҳр
Бар ӯ дошт, то буд гардонсипеҳр.[1]

Сипоҳе бар он гуна кардӣ табоҳ,
Ки бахшоиш орад ҳаме ҳуру моҳ.

Аз он шоҳи ҷангӣ манам ёдгор,
Маро ҳамчунон дон, ки куштӣ ба зор.

Зи модар ҳама маргро зодаем,
Гад эдун, ки туркем, ар озодаем.[2]

Гурезонаму ту ҳам[3] андар дамон,
Наёбӣ маро, то наёяд замон.

Агар бозгардам силоҳам ба чанг,
Магар ман шавам кушта, гар ту ба ҷанг,

Макун тезмағзиву оташсарӣ,
На з-ин сон бувад меҳтари лашкарӣ.

Ман акнун шавам сӯи даргоҳи[4] хеш,
Яке бозҷӯям сари роҳи хеш.

Нависам яке нома зӣ шаҳрёр,
«Бар он сон, ки бояд бад-ин рӯзгор.

Гар эдун, ки ӯ дарпазирад маро,
Аз ин тохтан даргузирад маро.

1. Л –б. 1094 нест.
2. И – б. 1096, 1097 нест.
ТПЗ – Бимон, то бимонам ба даҳр андаке,
К-аз озодагони ту бошам яке.
3. ИЛ – пас
4. ИЛ – хиргоҳи

www.sattor.com

Ман он боргаҳро яке бандаам,
Дил аз меҳтари пок баркандаам.

Зи сар кинаву ҷангро дур кун,
Ба хубиманиш-бар яке сур кун».

Чу бишнид Баҳром, аз ӯ бозгашт,
Чу бо вай ба шоҳӣ ҳамовоз гашт.

Чу аз ҷанг он лашкар осуда шуд,
Ба лашкаргаҳи шоҳ Пармуда шуд.

Ҳаме гашт бар гирди дашти набард,
Сари саркашонро зи тан боз кард.

Чу барҳам ниҳоданду анбӯҳ гашт,
Ба болои сангин яке кӯҳ гашт.

Ҳам он ҷомро номдорони ял
Ҳаме хондандиш Баҳромтал.

Силеҳи саворону чизе, ки дид,
Зи[1] ҷое, ки буд, сӯи он тал кашид.

Яке нома бинвишт зӣ шаҳрёр
Зи Пармудаву лашкари бешумор.

Бигуфт, он ки ӯро чӣ омад ба рӯй
Зи туркону аз шоҳи пархошҷӯй.

Дил аз бими теғ, ӯ сӯи чора шуд,
В-аз он ҷойгаҳ хору овора шуд.[2]

Ваз он рӯй хоқон дари диж бубаст,
Ба анбӯҳи андешагон барнишаст.[3]

Бигаштанд гирди диж- андар басе,
Надонист сомони ҷангаш касе.

1. Л – Ба
2. И – б. 1114 нест.
3. ИЛ – дарнишаст.
ТПЗЛ – Биёмад пасаш лашкари бешумор,
Нишастанд ҷумла ба гирди ҳисор.

www.sattor.com

ПАНОҲ ХОСТАНИ ПАРМУДА АЗ БАҲРОМИ ЧӮБИНА

Чунин гуфт: «Аз он пас, ки[1] бар дашт ҷанг
Забунист бар кор[2] кардан диранг».

Ялонсинаро гуфт, то се ҳазор
Аз он размгаҳ баргузинад савор.

Чаҳор аз ялон низ Эзадгушасп
Аз он ҷангиён барнишонад ба асп.

Бифармуд, то ҳар киро ёфтанд,
Ба гардан задан тез биштофтанд.

Магар шаҳрёр ояд аз диж бурун,
Чу бинад ҳама дашт чун рӯди[3] хун.

Бибуд бар дари диж бар ин сон се рӯз,
Чаҳорум чу бифрӯхт гетифурӯз,

Паёме фиристод Пармударо,
Мар он меҳтари кишвару дударо,

Ки «Эй меҳтару шоҳи туркону Чин,
Зи гетӣ чаро кардаӣ[4] диж гузин?

Куҷо он ҷаҳон ҷустани Совашоҳ,
Куҷо он ҳама ганҷу он дастгоҳ?!

Куҷо он ҳама пилу баргустувон,
Куҷо он бузургони равшанравон?![5]

Куҷо он ҳама тунбалу ҷодуӣ,
Ки акнун аз ин сон бар ин як сӯӣ?!

Ҳама шаҳри туркон варо бас набуд,
Чу боби ту андар ҷаҳон кас набуд.

1. Л – Ба лашкар чунин гуфт:
2. Л – Набояд ба бекор
3. Л – ҷӯи
4. Л –кардӣ ин
5. И –б. 1126 нест.

www.sattor.com

Нишастӣ кунун дар диже чун занон,
Пур аз хун ду дастат ба рух-бар занон.

Дари бор[1] букшову зинҳор хоҳ,
Бари шоҳи гетӣ[2] маро ёр[3] хоҳ.

Зи диж ганҷи динор берун фирист,
Ҳама бадраҳо сӯи ҳомун фирист.

Агар ганҷ дорӣ ту, кишвар мадор,
Ки динор хор аст бар шаҳрёр,

Ба даргоҳи шоҳат миёнҷӣ манам,
Ки дар шаҳри Эрон гавонҷӣ манам.

Туро бар ҳама меҳтарон меҳ кунам,
Аз андешаҳо ройи ту беҳ кунам.

Ар эдун, ки рой аст наздики ту,
Ки равшан кунад кори торики ту,[4]

Кушода кун он розу бо ман бигӯй,
Чи корат чунин гашт, дерӣ маҷӯй.[5]

В-агар ҷангро ёд дорӣ касе,
Ҳамон ганҷу динор дорӣ басе,

Бизан кӯсу ин кинаҳо бозхоҳ,
Бувад хоста, танг н-ояд сипоҳ».

Фиристода омад, бигуфт[6] ин паём,
Чу бишнид аз ӯ марди ҷӯяндаком.[7]

Чунин дод посух, ки ӯро бигӯй,
Ки рози ҷаҳон, то тавонӣ, маҷӯй.

---

1. И – Ту дар боз
2. И –кишвар
3. И – боз
4. Л –б. 1135 нест.
5. ТПЗ – Ту донӣ, ки зинҳор додам туро,
   Раҳи ҷастанӣ баркушодам туро.
   В-агарна ту беҷон будӣ чун падар-т,
   На дуда туро дидаву не писар-т.
6. ИЛ – Чу омад фиристода, гуфт:
7. Л – ҷӯянданом; И – Шунидаш паём он шаҳи некном.

www.sattor.com

Ту густох гаштӣ ба гетӣ магар,
Ки ранҷе, ки бурдӣ, баромад ба бар.

Ба пирӯзӣ- андар ту кажжӣ макун,
Ки гар ту навӣ, ҳаст гетӣ куҳун.

Надонад касе рози гардонсипеҳр,
На ҳаргиз намояд ба мо низ чеҳр.

Зи меҳтар на хуб аст кардан фусӯс,
Маро ҳам сипаҳ буду ҳам пилу кӯс.

Дурӯғозмояст чархи баланд,
Ту дилро ба густохӣ- андар мабанд.

Падар-м он ҷаҳондори бедормард,
Ки дидӣ варо рӯзгори набард.

Замин сумми аспи варо банда буд,
Барояш фалак низ пӯянда буд.

Биҷуст, он ки ӯро набоист ҷуст,
Бупечид аз андешаи нодуруст.

Зи афсун ҳунар пок пинҳон шавад,
Ҳамон душман аз дур хандон шавад.

Яке он, ки гуфтӣ шумори сипоҳ
Фузунтар шуд аз тобиши хуру моҳ.

Сутурону пилон чу тухми гиё
Шуд андар дами парраи осиё.

Бад-он гунатон ҳам чунин гашт рӯз,
Намонӣ ҳаме шоду гетифурӯз.

Ҳаметарс аз ин, к-ин газоянда даҳр
Магар заҳр созад аз ин пойзаҳр.

Касеро, ки хун рехтан пеша гашт,
Дили душман аз вай пурандеша гашт.

Бирезанд хунаш бар он ҳамнишон,
Ки ӯ рехт хуни сари саркашон.

www.sattor.com

Гар аз буми туркон барорӣ димор,
Ҳамон кин бихоҳанд фарҷоми кор.

Ба ҷангат наёям ҳамон бесипоҳ,
Ки девона хонад маро некхоҳ.

Наёям ҳаме пеши ту ногаҳон,
Натарсам,[1] ки бар ман сар орӣ замон.

Яке бандаӣ, ман яке шаҳрёр,
Бари банда ман кай шавам хорсор?!

Агар хоҳам аз шоҳи ту зинҳор,
Чу тангӣ ба рӯй оядам, нест ор.

Аз он пас дижу ганҷу мардум[2] турост,
Бар ин номвар бум комат равост».[3]

Фиристода омад, бигуфт ин паём,
Зи пайғом Баҳром шуд шодком.

ХОСТАНИ БАҲРОМИ ЧӮБИНА МАНШУРИ ЗИНҲОРИИ ПАРМУДА АЗ ҲУРМУЗД

Набиштанд пас номаи судманд,
Ба наздики Ҳурмузд[4] шоҳи баланд,

Ки «Хоқони Чин зинҳорӣ шудаст,
Зи Баҳроми ҷангӣ ҳисорӣ шудаст.

Яке мӯҳру маншур бояд ҳаме,
Бад-ин мужда-бар сур бояд ҳаме.

Чу хоқон зи мо зинҳорӣ шавад,
Аз он бартарӣ сӯи хорӣ шавад,

Шаҳаншоҳ шояд, ки бахшад бар ӯй,
Чу якбора з-ӯ дур шуд рангу бӯй».[5]

1. ИЛ – Битарсам
2. Л – чатрам; И – дару буму ганҷам
3. И –ранҷам туроcт.
4. Л –пирӯз
5. И –б. 1165–1167 нест. Л–б. 1167 нест.

www.sattor.com

Чу нома биёмад ба наздики шоҳ,
Ба абр- андар овард фаррух кулоҳ.

Фиристоду эрониёнро бихонд,
Бари тахти шоҳаншаҳӣ[1] барнишонд.

Бифармуд, то нома бархонданд,
Ба хонанда-бар гавҳар афшонданд.

Ба озодагон гуфт: «Яздон сипос,
Ниёиш кунам шаб ба пешаш се пос,

Ки хоқони Чин кеҳтари мо бувад,
Сипеҳри баланд афсари мо бувад.

Ҳаме сар ба чархи фалак барфарохт,
Ҳаме хештан шоҳи гетӣ шинохт.

Кунун пеши бартарманиш бандаӣ,
Сипаҳбадсарӣ, марзҷӯяндаӣ.

Чунон шуд, ки бар мо кунад офарин,
Сипаҳдору солори туркону Чин.

Сипос аз Худованди хуршеду моҳ,
Ки ӯ дод бар бартарӣ дастгоҳ.[2]

Шумо ҳам ба Яздон ниёиш кунед,
Ҳама некуӣ дар физоиш кунед».

Фиристодаи паҳлавон[3] пеш[4] хонд,
Ба хубӣ суханҳо фаровон биронд.

Камар хост бо гавҳари шоҳвор,
Яке бораву ҷомаи шаҳрёр.

Ситомӣ бар он борагӣ-бар ба зар,
Ба ҳар мӯҳрае барнишонда[5] гуҳар.

---

1. И –Бар он номвар тахти шоҳӣ
2. ТПЗЛ – Ба дарвеш бахшем ганҷи куҳан,
   Чу пайдо шавад ростӣ з-ин сухан.
3. И – туркро
4. Л – паҳлавонро
5. ИЛ – дарнишонда

www.sattor.com

Фиристодаро низ динор дод,
Яке бадраву чизи бисёр дод.

Чу хилъат бад-ин гуна ӯро[1] супурд,
Варо меҳтари паҳлавонон шумурд.

Бифармуд пас, то биёмад дабир,
Набиштанд пас[2] номае бар ҳарир,

Ки хоқони Пармуда ёри ман аст,
Бад-он марз- дар зинҳори ман аст.

1185 Бар ин мӯру маншур Яздон гувост,
Ки мо бандагонему ӯ подшост.

Ҷаҳонҷӯйиро низ посух навишт
Пур аз орзу номае чун биҳишт.

Бад-ӯ гуфт: «Пармударо бо сипоҳ
Гусӣ кун ба хубӣ бад-ин боргоҳ.[3]

Ғанимат, ки аз лашкараш ёфтӣ,
Бад-он бандагӣ тез биштофтӣ.

Ба даргаҳ фирист, он чи андарх(в)ар аст,
Туро кирдгори ҷаҳон ёвар аст.

1190 Нигаҳ кун ба ҷое, ки душман бувад,
Агар душманеро нишеман бувад,

Бигиру нигаҳ дору хонаш[4] бисӯз
Ба некахтару[5] фоли гетифурӯз.

Гар эдун, ки лашкар фузун боядат,
Фузунӣ бувад, ганҷ[6] бифзоядат.

Ба як номаи дигар аз мо бихоҳ,
Фиристем чандон, ки бояд сипоҳ.

1. Л –бад-он марди доно
2. Л – навиштанд аз ӯ
3. Л – дигар душманонро
4. ИЛ – чояш
5. Л – фаррухпаю
6. ИЛ –ранҷ

www.sattor.com

Аз эрониён ҳар кӣ наздики туст,
Ки кардӣ ба дил ростиро дуруст.

Бад-ин нома-бар номи эшон бубар,
Зи ранҷе, ки диданд, ёбанд бар.

Сипоҳи туро марзбонӣ диҳам,
Туро афсарӣ, паҳлавонӣ диҳам.

ХАШМ ГИРИФТАНИ БАҲРОМИ ЧӮБИНА БАР ПАРМУДА

Чу нома биёмад бари паҳлавон,
Дили номвар паҳлавон шуд ҷавон.

Аз он[1] нома андар шигифтӣ бимонд,
Фиристоду эрониёнро бихонд.

Ҳамон хилъати шоҳ пеш оварид,
Бар ӯ офарин кард, ҳар кас ки дид.

Суханҳои эрониён ҳар чи буд,
Бад-он нома- андар бад-эшон намуд.

Аз айвон баромад яке офарин,
Ки[2] гуфтӣ, бичунбид рӯи замин.

Ҳамон номвар номаи зинҳор,
Ки Пармударо омад аз шаҳрёр,

Бад-он диж фиристод наздики ӯй,
Дурахшанда шуд ҷони торики ӯй.[3]

Фуруд омад аз бора он номдор,
Басе офарин хонд бар шаҳрёр![4]

---

1. Л – Бад-ин
2. Л–Ту
3. Л –б. 1203 нест.
4. Л– Чу Пармуда огоҳ шуд з-ин сухун,
Дигаргуна андеша афканд бун.

www.sattor.com

Ҳама хоста ҳарчи буд дар ҳисор,
Ба Баҳром биспурду барсохт кор.[1]

Фуруд омад аз диж сарафроз мард,
Ба аспи набард андаромад чу гард.

Ҳаме рафт бо лашкар аз диж ба роҳ,
Накард эч Баҳроми ялро нигоҳ.

Чу бишнид Баҳром, нанг омадаш,
Агарчанд шоҳе ба чанг омадаш.

Фиристоду ӯро пиёда зи роҳ,
Биёвард пӯён ба пеши сипоҳ.[2]

Чунин гуфт Пармуда ӯро, ки «ман
Сарафроз будам ба ҳар анҷуман,

Чунин пурманиш зинҳорӣ шудам,
Аз авҷи баландӣ ба хорӣ шудам.

Бад-ин рӯз ҳам нестӣ хушманиш,
Ки пеши ман овардӣ, эй бадкуниш.

Кунун ёфтам номаи зинҳор,
Ҳаме рафт хоҳам бари шаҳрёр.

Магар бо ман ӯ чун бародар шавад,
Бади рӯз бар ман сабуктар шавад.[3]

Туро бо ман акнун чӣ кор аст низ,
Супурдам туро тахту орому чиз.

Барошуфт Баҳрому шуд тезчашм,
Зи гуфтори Пармуда омад ба хашм.

---

1. ТПИЛ – Чу Баҳром бишнид, к-ӯ кард соз
Ба рафтан бари шоҳи гарданфароз,
Нигаҳбон фиристод, то дар ҳисор
Нависанд чизе, ки ояд ба кор.
2. ТПЗ – Пур аз хашм Баҳром гуфташ чунин:
«Шуморост оин ба Тӯрону Чин,
Ки бе хоҳиши ман сар андарниҳӣ,
Ба роҳ ин набошад, магар аблаҳӣ».
3. Л – б. 1214 нест.

www.sattor.com

Ба тезиш[1] як тозиёна бизад,
Бар он сон, ки аз носазоён сазад.

Бубастанд ҳам бар замон[2] пои ӯй,
Яке тангхиргоҳ шуд ҷои ӯй.

Чу Харроди Барзин чунон дид, гуфт,
Ки «Ин паҳлавонро хирад нест ҷуфт».

Биёмад ба назди дабири бузург,
Бад-ӯ гуфт, к- «Ин паҳлавони сутург,

Ба як парри пашша надорад хирад,
Азеро касеро ба кас нашмарад.

Бибояд-ш гуфтан, к-аз ин чора нест,
Варо бадтар аз хашм патёра нест».

Ба наздики Баҳром рафт ин ду мард,
Забонҳо пур аз панду рух ложвард.

Бигуфтанд, к- «Ин ранҷ додӣ ба бод,
Сари номвар пур зи оташ мабод».

Бидонист Баҳром, к-ин буд зишт,
Ба об-андар афканда шуд хушкхишт.

Пушаймон шуду банд аз ӯ баргирифт,
Зи кирдори худ даст бар сар гирифт.

Фиристодаш аспе ба заррин ситом,
Яке теғи ҳиндӣ ба заррин ниём.

Ҳам андар замон шуд ба наздики ӯй,
Ки равшан кунад ҷони торики ӯй.

Ҳаме буд, то ӯ миёнро бубаст,
Яке бораи тезтаг барнишаст.

Сипаҳбад ҳаме ронд бо ӯ ба роҳ,
Бидид он ки тоза набуд рӯи шоҳ.

1. Л – тундиш
2. ИЛ – дарзамон

www.sattor.com

Ба ҳангоми падруд кардан-ш гуфт,
Ки «Озор дорӣ зи ман дар нуҳуфт.

Гарат ҳаст бо шоҳи Эрон, магӯй,
Наёяд[1] туро з-ин сухан рангу бӯй».

Бад-ӯ гуфт хоқон, ки «Моро гила
Зи бахт асту кардам ба Яздон яла.

На ман з-он шуморам, ки бар ҳар касе
Суханҳо ҳаме ронд хоҳам басе.

1235 Агар шаҳрёри ту з-ин огаҳӣ
Наёбад, назебад бар ӯ-бар меҳӣ.

Маро банд гардуни гарданда кард,
Нагӯям, ки бо ман бад ин банда кард».

Зи гуфтори ӯ гашт Баҳром зард,
Бупечиду хашм аз далерӣ бих(в) ард.

Чунин дод посух, ки «Омад нишон
Зи гуфтори он номвар саркашон,

Ки тухми бадӣ, то тавонӣ, макор,
Чу корӣ, барат бар диҳад рӯзгор.

1240 Чаро ман ба ту дил биёростам,
Зи гетӣ туро некувӣ хостам.

Ҳаме[2] нома кардам ба шоҳи ҷаҳон,
Ҳама айби ту доштам дар ниҳон».

Бад-ӯ гуфт хоқон, ки «Он даргузашт,
Гузашта суханҳо ҳама бод гашт.[3]

Валекин чу дар ҷанг хорӣ бувад,
Гаҳи оштӣ бурдборӣ бувад.

---

1. ИЛ –Набояд
2. И – Ман ин
3. ТПЗ – Ба Яздон, ки аз ту маро кина нест,
Ба дил низ он кина дерина нест.
Бувад некии ту аз ин бад фузун,
Ту будӣ ба некӣ маро раҳнамун.

www.sattor.com

Туро хашм бо оштӣ гар якест,
Хирад бегумон назди ту андакест.

Чу солор роҳи Худованди хеш
Нагирад, зи дониш бад ояд-ш пеш.

Ҳамон роҳи Яздон бибояд сипурд,
Зи дил тирагиҳо бибояд ситурд.

Сухан гар наяфзоӣ акнун, равост,
Ки ин бад, ки шуд, гашт бо бод рост».

Зи хоқон чу бишнид Баҳром, гуфт,
Ки «Пиндоштам, к-ин бимонад нуҳуфт.

Кунун з-ин гиреҳ[1] кам наёмад зиён,
Напӯшам бар ӯ чодари парниён.

Ту он ҷо расӣ, ҳарчи хоҳӣ, бигӯй,
К-аз он ҳам накоҳад[2] маро обрӯй».

Бад-ӯ гуфт хоқон, ки «Ҳар шаҳрёр,
Ки аз неку бад барнагирад шумор,

Ба бад кардани банда хомуш бувад,
Чунон дон, ки бемағзу[3] беҳуш бувад.

Чу аз дур бинад туро бадсигол,
Агар некхоҳе бувад, гар[4] ҳамол,

Туро носазо хонаду сарсабук,
Варо шоҳи берой мағзе[5] тунук».

Чу бишнид Баҳром, шуд зардрӯй,
Нигаҳ кард Харроди Барзин бад-ӯй,

Битарсид аз он тез хунхора мард,
Ки ӯро зи бод андарорад ба гард.

1. ИЛ – гила
2. Л – На з-он кам шавад мар
3. И – ту ӯро, ки
4. Л – ё
5. ИЛ – Эрону мағзе

www.sattor.com

Ба Баҳром гуфт: «Эй сипаҳдори шоҳ,
Бихӯр хашму сар бозгардон зи роҳ,

Ки хоқон ҳаме рост гӯяд сухун,
Ту бинюшу андешаи бад макун.

Сухан гар нарафтӣ бад-ин гуна сард,
Варову туро нестӣ дил ба дард».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Ин бадҳунар
Бичӯяд ҳаме ҷойгоҳи падар».

Варо гуфт хоқон, ки «Ин бад макун,
Сазад бепадар гар нагардам[1] куҳун.

Зи гетӣ ҳар он кас, ки ӯ чун ту буд,
Сараш пур зи гарду дилаш пур зи дуд,

Ҳамон бад сиголиду бо кас насохт,
Ба кажживу номардумӣ сар фарохт.

Ҳаме аз шаҳаншоҳ тарсониям,
Сар аз буданиҳо бигардониям.[2]

Зи гарданкашон, ӯ ҳамоли ман аст,
На чун бандаи бадсиголи ман аст.

Ҳушивору оҳиставу бонажод,
Басе номбардор дорад ба ёд.

Ба ҷону сари шоҳи эронсипоҳ,
К-аз эдар кунун бозгардӣ зи[3] роҳ.

Ба посух наяфзой аз бадхувӣ,
Нагӯӣ сухан низ, то нашнавӣ».

Чу бишнид Баҳром, аз ӯ гашт боз,
Ба лашкаргаҳ омад, сари кинасоз.[4]

1. Л – бигардам
2. Л – Ҳама з-ӯ бувад ранҷу осониям.
3. И – ба
4. Л – гави ҷангсоз.

www.sattor.com

Чунин гуфт Баҳроми ҷангозмой
Ба назди бузургони покизарой,[1]

Ки «Харроди Барзину он бихрадон,
Дабиру бузургу дигар мӯбадон

Нависанд нома ба шоҳи ҷаҳон,
Сухан ҳарчи рафт ошкору ниҳон».

Сипаҳдор бо мӯбади мӯбадон
Ба хашм он замон гуфт, к-«Эй бихрадон,

Ҳам акнун аз эдар ба диж-бар равед,
Бикӯшеду бо бод ҳамраҳ шавед.[2]

Ба диж-дар бубинед то хоста,
Чӣ моя бувад ганҷи ороста».

Дабирон бирафтанд дил пурҳарос,
Зи шабгир то шаб гузашта се пос.

Сияҳ шуд басе номҳо аз шумор,
Набишта нашуд ҳам ба фарҷоми кор.

Ба диж-дар набуд роҳ аз ин хоста,
Гузашта бар ӯ солу нокоста.

Зи ҳангоми Арҷоспу Афросиёб,
Зи динору гавҳар, ки хезад зи об[3].

Ҳамон низ чизе, ки конӣ бувад,
Куҷо растанаш осмонӣ бувад.

Ҳамон ганҷҳо андар Овоза буд,
Куҷо[4] номи ӯ дар ҷаҳон тоза буд.

Зи чизи Сиёвуш нахустин камар,
Ба ҳар мӯҳрае дарнишонда[5] гуҳар.

---

1. ИЛ – б. 1270 нест.
2. И –б. 1272–1274 нест.
3. Л – б. 1276–1279 нест.
4. Л – Яке
5. Л – дар се бора

www.sattor.com

Ҳамон гӯшвораш, ки андар ҷаҳон
Касеро набуд аз кеҳону меҳон,

Ки Кайхусрав онро ба Лӯҳросп дод,
Ки Лӯҳросп з-он пас ба Гуштосп дод,

Ки Арҷосп онро ба диж дарниҳод,
Ки ҳангоми он кас надорад ба ёд.

Набиштанд як-як ҳама хоста,
Ки буд андар он ганҷ ороста.[1]

Фиристод Баҳром марде дабир,
Сухангӯву равшандилу ёдгир.

Биёмад, ҳама хоста гирд кард,
Ки буд дар дижу ҳам ба дашти набард.

Аз он[2] хоста буд ду гӯшвор,
Ду мӯза бад-ӯ-дар зи[3] гавҳар нигор.

Ҳамон шӯшаи зар бар ӯ бофта,
Ба гавҳар сари шӯша[4] бартофта.

Ду бурди ямонӣ ҳамон заррбафт,
Бисахтанд ҳар як ба ман буд ҳафт.

Сипаҳбад зи кажживу кундоварӣ
Набуд огаҳ аз ҷустани доварӣ.

Ду бурди ямонӣ ба як сӯ ниҳод,
Ду мӯза ба нома накард эч ёд.

Бифармуд аз он пас ба Эзадгушасп,
Ки то бо саворон нишинад ба асп.

Зи лашкар гузин кард марде ҳазор,
Ки бо ӯ шавад то дари шаҳрёр.[5]

1. ТПЗИЛ – Шумораш надонист кас дар ҷаҳон,
Ситорашиносону фаррухмеҳон,
2. Л – Або
3. Л – дурри
4. Л – шафша
5. ТПЗ – Далерон нишастанд яксар ба асп,
Бибурд ончунон ганҷ Эзадгушасп.

www.sattor.com

Зи хоқон шутур хост сӣ корвон,
Шумурд он шутурвор бар сорвон.

Саворон бирафтанду хоқон зи пеш
Ҳаме ронд бо номдорони хеш.

ОМАДАНИ ХОҚОН БА НАЗДИКИ ҲУРМУЗДШОҲ

Чу хоқон биёмад ба наздики шоҳ
Або ганҷи деринаву бо сипоҳ,

Чу бишнид шоҳи ҷаҳон, барнишаст
Ба сар-бар яке тоҷу гурзе ба даст.

Биёмад чунин, то ба даргаҳ расид,
Зи даҳлез чун рӯи хоқон бидид,

Ҳаме буд то чун-ш бинад ба роҳ,
Фуруд ояд ӯ ҳамчунин бо сипоҳ.

Бубинад-шу баргардад аз пеши ӯй,
Пурандеша буд з-он сухан номҷӯй.

Пас он гоҳ хоқон чунон ҳам бар асп,
Биёмад або мӯбад Эзадгушасп.[1]

Фуруд омад аз асп хоқон ҳамон,
Биёмад бари шоҳи Эрон дамон.

Шаҳаншоҳ аспи[2] таковар биронд,
Ба даҳлез бо ӯ замоне намонд.[3]

Диранге бибуд,[4] то ҷаҳондор шоҳ
Расидӣ ба айвон аз он боргоҳ.[5]

Чу хоқон бирафт аз паси[6] шаҳрёр,
Инонаш гирифт он замон пардадор.

1. И – Озаргушасп;
ТПЗ – Чу танг андаромад ҷаҳондор шоҳ,
Биҷунбид бар хештан бо сипоҳ.
2. Л – аспе
3. ИЛ – бимонд.
4. И – набуд
5. И – Нишаст аз бари тозиаспи сиёҳ.
6. И – аз дари

www.sattor.com

Пиёда шуд аз асп Пармуда зуд,
Бар он кеҳтарӣ ҷодуиҳо намуд.

Хиромон биёмад ба наздики тахт,
Мар ӯро шаҳаншоҳ бинвохт сахт.

1310 Бипурсиду биншондаш пеши хеш,
Ғамӣ шуд зи ҷони бадандеши хеш.

Сазовори ӯ ҷойгаҳ сохтанд,
Яке хуррам айвон бипардохтанд.[1]

Бибурданд чизе, ки шоиста буд,
Ҳамон пеши Пармуда боиста буд.

Сипаҳро ба наздики ӯ ҷой кард,
Дабире бар он кор барпой кард.

Чу огаҳ шуд аз кори он хоста,
Ки овард Пармуда ороста.

1315 Ба майдон фиристод, то ҳамчунон
Бувад бори пурмоя бо сорвон.

Чу осуд як ҳафта аз ранҷи роҳ,
Ба ҳаштум яке сур фармуд шоҳ.

Чу хоқон ба пеши ҷаҳондор шоҳ
Нишаст аз бари хон бар он пойгоҳ,[2]

Бифармуд, то бори он уштурон
Ба пушт андароранд пеши сарон.

Касе баргирифт аз кашанда шумор,
Ба як рӯз муздур шуд даҳ[3] ҳазор.

1320 Дигар рӯз ҳам бомдоди пагоҳ
Ба хон-бар май оварду биншаст шоҳ.

1. И –б. 1311 нест.
2. ИЛ – боргоҳ.
3. ИЛ – буд сад

www.sattor.com

Зи майдон бибурданд панҷаҳ ҳазор,
Ҳамон танг бар пушт[1] мардони кор.

Аз Овоза сад ганҷ шуд сохта,
Дили шоҳ аз он кор пардохта.

Яке тахтҷома бифармуд шоҳ,
Ки он ҷо биёранд пеши силоҳ.

Ҳамон пургуҳар гӯшвору камар,
Ки гуфтӣ ҳама зарр буду гуҳар.[2]

Яке офарин хост аз[3] базмгоҳ,
Ки пирӯз бод ин ҷаҳондор шоҳ.

Ба Эзадгушасп он замон шоҳ гуфт,
Ки бо вай будаш ошкору нуҳуфт.

Ки «чун бинӣ ин кори Чӯбинаро,
Ба мардӣ ба пой оварад кинаро?»

Чунин гуфт Эзадгушаспи[4] дабир,
Ки «эй шоҳи равшандилу ёдгир,

Ба суре, ки дастон-ш Чӯбин бувад,
Чунон дон, ки хонаш навоин бувад».

Зи гуфтори ӯ шоҳ шуд бадгумон,
Равонаш пурандеша шуд як замон.

ОГОҲӢ ЁФТАНИ ҲУРМУЗД АЗ НОРОСТИИ БАҲРОМИ ЧӮБИНА ВА ПАЙМОН БАСТАН БО ХОҚОН

Ҳаюне биёмад ҳам он гаҳ сутург
Або[5] номае аз дабири бузург,

Ки шоҳи ҷаҳон ҷовидон шод бод,
Сару тоҷи ӯ бандаро ёд бод!

1. Л –Ҳама танг барбаста
2. ТПЗ – Фиристодаро доду кард офарин,
   Фиристода бӯсид рӯи замин.
3. Л – бар
4. Л – Оингушаспи
5. ИЛ – Яке

www.sattor.com

Чунон дон, ки бурди ямонӣ ду буд,
Ҳамон мӯза аз гавҳари нобисуд.

Ҳамон гӯшвори Сиёвуши рад,
К-аз ӯ ёдгор аст моро хирад.

Аз ин ҷойгаҳ паҳлавон[1] баргирифт,
Чу ӯ дид ранҷ, ин набояд[2] шигифт.

Зи Шоҳак бипурсид пас номҷӯй,
К-аз ин ҳар чӣ дидӣ, якояк бигӯй.

Сухан гуфт Шоҳак бар ин ҳамнишон,
Барошуфт аз он шоҳи гарданкашон.

Ҳам андар замон гуфт: «Чӯбина роҳ
Ҳаме гум кунад, сар барорад ба моҳ.

Яке он ки хоқони Чинро бизад,
Бар он сон, ки аз гавҳари ӯ сазад.

Дигар он ки ҷуз гӯшвораш ба кор
Наёмад,[3] магар шуд яке шаҳрёр?

Ҳама ранҷи ӯ сарбасар бод гашт,
Ҳама дод додан-ш бедод гашт».

Бигуфт ину Пармударо пеш хонд,
Бар он номвар ҷойгоҳаш нишонд.

Бибурданду хӯрданд то шаб зи роҳ
Бияфшонд он тира зулфи сиёҳ.[4]

Ба хоқон чунин гуфт, к- «Аз баҳри[5] ман[6]
Басе ранҷ дидӣ дар ин анҷуман.[7]

1. И – паҳлавӣ
2. ИЛ – ранҷ дид, ин набошад
3. Л – Биёмад,
4. И – б. 1342, 1343 нест.
5. Л – «Гар аҳди
6. И –меҳри ту.
7. Л- Пазирӣ биёбӣ бад-он шаҳди ман;
И – Чу дидам, набуррам ман аз чеҳри ту.

www.sattor.com

Нишаста биёзиду дасташ гирифт,
Аз ӯ монд Пармуда андар шигифт.

Бад-ӯ гуфт: «Савганди мо тоза кун,
Ҳама кор бар дигар андоза кун.

Ба Яздон, ки ӯ бартар аз бартарист,[1]
Нигорандаи Зӯҳраву Муштарист,

Ки чун бозгардӣ, напечӣ зи ман,
На аз номдорони он анҷуман».

Бихӯрданд савгандҳои гарон
Ба Яздони поку ба ҷони сарон.

Ба тоҷу ба гоҳу ба хуршеду моҳ,
Ба Озаргушаспу ба мӯҳру кулоҳ,[2]

Ки аз шоҳ хоқон напечад ба дил,
Набошад[3] ба коре варо дилгусил.

Бигуфтанду аз ҷой бархостанд,
Сӯи хобгаҳ рафтан оростанд.

Чу барзад сар аз кӯҳ зард офтоб,
Сари тоҷдорон баромад зи хоб,

Яке[4] хилъат орост пурмоя шоҳ
Зи заррину симину аспу кулоҳ.

Чу заррин камарҳои гавҳарнигор,
Чи аз ёраву тавқи богӯшвор.

Чи аспони тозӣ ба зарринситом,
Чи шамшери ҳиндӣ ба заррин ниём.

Ба наздики хоқон фиристод шоҳ,
Ду манзил ҳаме рафт[5] бо ӯ ба роҳ.[6]

1. Л – ӯро аз он беҳтарист.
2. ИЛ – озарпаноҳ.
3. Л – Надорад
4. Л – Басе
5. Л – ҳаме ронд
6. И – б. 1357 нест.

www.sattor.com

Се дигар бипаймуд роҳи дароз,
Дурудаш фиристоду шаҳ[1] гашт боз.

Чу огоҳӣ омад сӯи паҳлавон
Аз он хилъати шаҳрёри ҷаҳон

Зи хоқони чинӣ, ки омад ба роҳ,[2]
Чунон шод гашта ба наздики шоҳ.[3]

Пазира шудаш паҳлавони сипоҳ,[4]
Аз Эрон ҳар он кас, ки буд некхоҳ.[5]

Алаф сохт ҷое, ки вай[6] баргузашт
Ба шаҳру деҳу манзили[7] кӯҳу[8] дашт.

Ҳаме тохт пӯзишкунон пеши ӯ,
Пур аз шарм ҷони бадандеши ӯ.

Чу Пармударо дид, кард офарин,
Аз ӯ сар бупечид хоқони Чин.

Напазруфт аз ӯ, ҳарчӣ оварда буд,
Алаф буд, агар бадраву барда буд.

Ҳаме ронд Баҳром бо ӯ ба роҳ,
Накард эч хоқон бад-ӯ-дар нигоҳ.

Бар ин гуна шуд то се манзил биронд,
Ки якрӯза Пармуда ӯро нахонд.

Чаҳорум фиристод хоқон касе,
Ки баргард чун ранҷ дидӣ басе.

Чу бишнид Баҳром, баргашт аз ӯй,
Ба тундӣ сӯи Балх бинҳод рӯй.[9]

1. И – з-ӯ
2. ИЛ – аз назди шоҳ
3. Л – баргашту омад зи роҳ.
   И – баргашту омад ба роҳ.
4. ИЛ – савор.
5. ИЛ – номдор.
6. ИЛ–ӯ
7. И – манзилу
8. Л – шаҳр андарун ҳам ба манзил, ба
9. ТПЗ – Ҳаме буд дар Балх чанде дижам,
   Ки карда пушаймону дил пур зи ғам.

www.sattor.com

ФИРИСТОДАНИ ҲУРМУЗД ДУКДОН ВА ҶОМАИ ЗАНОН НАЗДИ БАҲРОМИ ЧӮБИНА

1370 Ҷаҳондор ҳам з-ӯ на хушнуд буд,
Зи тезӣ равонаш пур аз дуд буд.

Аз озори хоқони чинӣ нахуст,
Ки Баҳром аз озарми ӯ дил бишуст.

Дигар он ки чизе, ки фармон набуд,
Ба бардоштан худ далерӣ намуд.

Яке нома бинвишт пас шаҳрёр,
Ба Баҳром, к- «Эй деви носозкор,[1]

Ҳунарҳо зи Яздон набинӣ ҳаме,
Ба чархи фалак барнишинӣ ҳаме.[2]

1375 Наёяд ҳаме ёдат аз ранҷи ман,
Сипоҳи ману бахшиши ганҷи ман.

Раҳи паҳлавонон насозӣ ҳаме,
Сарат б-осмон барфарозӣ ҳаме.

Зи фармони ман сар бупечидаӣ,
Дигаргуна коре басечидаӣ.

Кунун хилъат омад сазовори ту,
Писандидаву дархури кори ту».

Чу бинҳод бар нома-бар мӯҳр шоҳ,
Бифармуд, то дукдоне сиёҳ

1380 Биёранд бо дуку панба дар ӯй,
Ниҳода басе носазо рангу бӯй.

Ҳам аз шаър пероҳане ложвард,
Яке сурху шалвору миқнои зард

Фиристодаи беманиш баргузид,
Ки он хилъати бебаҳоро сазид.

---

1. Л–меҳтари нобакор;
ТПЗМ – Надонӣ ҳаме хештанро ту боз,
Чунин аэ бузургӣ шудӣ бениёз.
2. И –б. 1374 нест.

www.sattor.com

Бад ӯ гуфт, к- «Ин назди Баҳром бар,
Бигӯ, эй сабукмояи бегуҳар,

Ту хоқони чинӣ[1] бубандӣ ҳаме,
Газанди бузургон писандӣ[2] ҳаме.

1385 Зи тахте, ки ҳастӣ, фуруд орамат,
Аз ин пас ба кас низ нашморамат!»

Фиристода бо хилъат омад чу бод,
Шунида суханҳо ҳама кард ёд.

ПӮШИДАНИ БАҲРОМИ ЧӮБИНА ҶОМАИ ЗАНОН ВА ХУДРО ДАР ҲАМОН ҶОМА БА САРДОРОНИ ЛАШКАР НАМУДАН

Чу Баҳром бо нома хилъат бидид,
Шикебоиву хомушӣ баргузид.

Ҳаме гуфт: «Ин аст подоши ман,
Чунин аст аз ин шоҳ пархоши ман.

Чунин бад аз андешаи шоҳ нест,
Ҷуз аз носазо гуфти бадхоҳ нест.

1390 Ҷаҳондор бар бандагон подшост,
Агар мар маро хор гирад, равост.

Гумоне набурдам, ки наздики шоҳ
Бадандешагон низ ёбанд роҳ.

Аз он пас, ки бо хормоя сипоҳ
Ба тезӣ бирафтам зи даргоҳи шоҳ.

Ҳама дидаанд он, ки ман кардаам,
Ғаму ранҷу сахтӣ, ки ман бурдаам.

Чу подоши ин ранҷ хорӣ бувад,
Гар аз бахт носозгорӣ бувад,

1. И – Чинро
2. И – Навозандаи мо газандӣ

www.sattor.com

Ба Яздон бинолам зи гардонсипеҳр,
Ки аз ман чунин пок бугсист меҳр».

Зи додори некидиҳиш ёд кард,
Бипӯшид пас ҷомаи сурху зард.

Ба пеш- андарун дукдоне сиёҳ
Ниҳода ҳар он ч-аш фиристод шоҳ.

Бифармуд, то ҳар кӣ буд аз меҳон,
Аз он номдорони шоҳи ҷаҳон,

Зи лашкар бирафтанд наздики ӯй,
Пурандеша буд ҷони торики ӯй.

Чу рафтанд, диданд пиру ҷавон,
Бар он гуна-бар пӯшиши паҳлавон.

Бимонданд аз он кор яксар шигифт,
Дили ҳар кас андешае баргирифт.

Чунин гуфт пас паҳлавони сипоҳ,
Ки «Хилъат бар ин сон фиристод шоҳ,[1]

Ҷаҳондор шоҳ асту мо бандаем,
Дилу ҷон ба меҳри вай огандаем.

Чӣ бинед бинандагон андар ин,
Чӣ гӯем бо шаҳрёри замин?»

Ба посух кушоданд яксар забон,
Ки эй номвар, пурҳунар паҳлавон,

Чу арҷи ту ин аст наздики шоҳ,
Сагонанд[2] бар боргоҳаш сипоҳ.

---

1. ТПЗ – Шунидеду дидед кирдори ман,
Ба жӯпин задан ҷангу пайкори ман.
Зи тахти каён шоҳ буд ноумед,
Ҷаҳон тирагун буд, зи ман шуд сафед.
Бипӯшидам ин хилъати нописанд
Ба фармони он шаҳрёри баланд.
2. И – Сагонем

www.sattor.com

Нигар, то чӣ гуфт ин хирадманди пир
Ба Рай, чун дилаш танг шуд з-Ардашер,[1]

Ки безорам аз мӯбаду тахти шоҳ,
Чу неку бади ман надорад нигоҳ.

Касе, к-ӯ туро нест озармҷӯй,
Чӣ ҷӯӣ, чӣ хоҳӣ аз ӯ обрӯй?!»[2]

Чунин гуфт Баҳром, к- «Ин худ магӯй,
Ки аз шоҳ гирад сипаҳ обрӯй.

Ҳама сарбасар бандагони ваем,
Диҳандасту дорандагони ваем».

Чунин ёфт посух аз эрониён,
Ки «Мо худ набандем аз ин пас миён.

Ба Эрон кас ӯро нахоҳем шоҳ,
На Баҳромро паҳлавони сипоҳ».

Бигуфтанд в-аз пеш берун шуданд,
Зи кохи сипаҳбад[3] ба ҳомун шуданд.

Сипаҳбад сипаҳро ҳама дод панд,
Ҳаме дошт бо панд лабро ба банд.

АНДАР ДИДАНИ БАҲРОМИ ЧӮБИНА БАХТИ ХУДРО

Чунин то ду ҳафта бад-ин[4] баргузашт,
Сипаҳбад зи айвон омад[5] ба дашт.

Яке беша пеш омадаш пурдарахт,
Сазовори майхораи некбахт.

Яке гӯр дид андар он марғзор,
К-аз он нектар кас набинад шикор.[6]

1. Л – б. 1406, 1407 нест.
2. ИЛ – б. 1409 нест.
3. ИЛ – хумоюн
4. ИЛ – бар ӯ
5. И – Сипаҳдор аз айвон биёмад; Л – биёмад
6. И – хубтар кас набинад нигор.

www.sattor.com

Пас- андар ҳаме ронд Баҳром нарм,
Бар ӯ борагиро накард эч гарм.

Бад-он беша дар ҷои нахчиргоҳ
Ба пеш- андар омад яке танг роҳ.

Зи тангӣ чу гӯри жаён баргузашт,
Биёбон падид омаду боғу дашт.[1]

Аз ин дашт[2] Баҳром чун бингарид,
Яке кохи пурмоя омад падид.

Бад-он кох Баҳром бинҳод рӯй,
Ҳамон гӯр пеш- андарун роҳҷӯй.

Ҳаме ронд то пеши он кох асп,
Паси пушти ӯ буд Эзадгушасп.

Инони таковар бад-ӯ доду гуфт,
Ки «бо ту ҳамеша хирад бод ҷуфт».

Пиёда ба даҳлези кох- андарун
Ҳаме рафт Баҳром бе-раҳнамун.

Замоне ҳаме буд Эзадгушасп,
Гирифта ба даст он гаронмоя асп.

Ялонсина омад паси ӯ давон,
Бар аспи таковар бубаста миён.[3]

Бад-ӯ гуфт Эзадгушаспи далер,[4]
«Ба кох- андарун рав, ту, эй нарրашер![5]

Бубин, то куҷо рафт солори мо,
Сипаҳдор, он номбардори[6] мо».

1. ТПЗ – Гурозид Бахрому тозид гӯр,
Ба об- андарун ғарқа шуд марду бӯр.
2. Л – Гузоранда
3. ИЛ – б. 1428 нест.
4. ИЛ – Ялонсинаро гуфт: «Акнун яке
5. Л – Ба кох- андарун рон ту низ андаке;
И – Ба кох- андарун рон ту асп андаке.
6. И – Сипаҳбад дилу дастбардори;
И – Сипаҳбад яли дастбардори

www.sattor.com

Ялонсина дар боғ[1] бинҳод рӯй,
Диле пур зи андеша солорҷӯй.

Яке коху айвони фархунда дид,
К-аз он сон ба Эрон надиду шунид.

Ба як[2] дасти айвон яке тоқ дид,
Зи дида сари чархи[3] ӯ нопадид.

Ниҳода ба тоқ- андарун тахти зар,
Нишонда ба ҳар пора дурру[4] гуҳар.

Бар он тахт фарше зи дебои Рум,
Ҳама пайкараш гавҳару зарру бум.

Нишаста бар ӯ-бар зане тоҷдор,
Ба болой сарву ба рух чун баҳор.[5]

Фаровон парастанда бар гирди тахт
Бутони парирӯи бедорбахт.[6]

Чун он зан Ялонсинаро дид, гуфт
Парастандаеро, ки эй хубҷуфт,

Бирав тезу он шердилро бигӯй,
Ки эдар туро омадан нест рӯй.

Ҳаме бош наздики ёрони хеш,
Вай акнун биёяд, ҳаме рав ту пеш».[7]

---

1. Л – коҳ
2. И – Яке
3. И – баландии
4. Л – пояе дур.
5. ТПЗ – Фурӯ ҳишта бар сар ду мушкин каманд,
Ки кардӣ бад-он пурдилонро ба банд.
Зи дидори ӯ муштарӣ тира буд,
Хирад пеши рӯяш ҳамон хира буд.
Ба сони сутуне ба сим озада,
Рухаш рашки хуршеди тобон шуда.
Бари тахти заррин яке зергоҳ,
Нишаста бар ӯ паҳлавони сипоҳ.
6. ТПЗМ – Ниҳонӣ бигуфтанд бисёр чиз,
Ҷуз он ҳар ду тан кас надонист низ.
7. ТПЗЛ – Бад-ин сон паёмаш зи Баҳром деҳ,
Дилашро ба баргаштан ором деҳ.

www.sattor.com

Ҳам он гаҳ парастандагонро ба роҳ
Зи[1] айвон барафканд назди сипоҳ,

Ки то аспи гурдон ба охур баранд,
Барафкандаву зинҳо[2] бишмаранд.

Дари боғ букшод полезбон
Ба фармони он тозарух мизбон.

Биёмад яке марди меҳтарпараст
Ба боғ аз пайи божу барсам ба даст.

Ниҳоданд хон гирди боғ-андарун,
Хуриш хостанд[3] аз гумонӣ фузун.[4]

Чу нон хӯрда шуд, аспи гарданкашон
Бибурданд пӯён ба ҷои нишон.

Бад-ин зан чу баргашт, Баҳром гуфт,
Ки «Тоҷи туро Муштарӣ бод ҷуфт!»

Бад-ӯ гуфт: «Пирӯзгар бош, - зан, -
Ҳамеша шикебодилу ройзан».[5]

Чу Баҳром аз он гулшан омад бурун,
Ту гуфтӣ, ҳаме борад аз чашм хун.

Маниш дигару гуфту посух дигар,
Ту гуфтӣ, ба гардун баровард сар.

Биёмад ҳам андар замон наррагӯр,
Сипаҳбад пас- андар ҳаме ронд бӯр.

1. ИЛ – Аз
2. Л – Пароканда зинҳо ҳаме;
   И – Аз афканданиҳо ҳама
3. ИЛ – сохтанд
4. И – бурун.
5. ТПЗ – Ки солори Тӯрону Эрон туӣ,
   Шаҳаншоҳи гурдону шерон туӣ,
   Бирав, тахту дайҳими Эрон турост,
   Ҷахон аз ту дорад ҳаме пушт рост.
   Ба зӯр ин ҷаҳонро ба ханҷар бигир,
   Зи хоки сияҳ то ба ахтар бигир.
   Ниҳонӣ бигуфтанд бисёр чиз,
   Ҷуз он ҳар ду тан кас надонист низ.

www.sattor.com

Чунин то аз он беша омад бурун,
Ҳаме буд Баҳромро раҳнамун.

Ба шаҳр андаромад зи нахчиргоҳ,
Аз он кор накшод лаб бар сипоҳ.[1]

Нигаҳ кард Харроди Барзин бар ӯй,
Чунин гуфт, к- «Эй меҳтари ростгӯй,

Ба нахчиргоҳ ин шигифтӣ чӣ буд,
Ки он кас надиду на ҳаргиз шунуд?»

Аз он[2] паҳлавон ҳеҷ посух надод
Дижам гашту сар сӯи Эрон ниҳод.[3]

ГИРИФТАНИ БАҲРОМИ ЧӮБИНА ОИНИ ПОДШОҲӢ

Дигар рӯз чун симгун гашт роғ,
Падид омад он зардрахшон чароғ,

Бигустурд фарше зи дебои Чин,
Ки гуфтӣ, магар осмон шуд замин.

Ҳама кох курсии заррин ниҳод,
Зи дебои зарбафт болин ниҳод.

Ниҳоданд заррин яке зергоҳ,
Нишаст аз бараш паҳлавони сипоҳ.

Нишасте биёрост шоҳаншаҳӣ,
Ниҳода ба сар-бар кулоҳи меҳӣ.

Нигаҳ кард кораш дабири бузург,
Бидонист, к-ӯ шуд далеру сутург.

Чу наздики Харроди Барзин расид,
Бигуфт он чи донисту диду шунид.

1. ИЛ – варо.
2. Л – Айвон.
3. ТПЗ – Дигар кас наёраст гуфтан бад-ӯй,
Ки ин кор худ чист в-ин рангу бӯй.

www.sattor.com

Чу Харроди Барзин шунид ин сухан,
Бидонист, к-он ранҷҳо шуд куҳан.

Чунин гуфт пас, к- «Эй гиромӣ дабир,
Ту кори чунин бар дил осон магир.

Набояд кушодан бар ин кор лаб,
Бари шоҳ бояд будан тирашаб.[1]

Шаҳаншоҳи мо хирасар шуд бад-он,
Ки хилъат фиристодаш аз дукдон.

Надонист, к-ин шери пархошхар
Зи фармон бупечад бад-ин гуна сар»,[2]

Ки Баҳромро дил пур аз тоҷ гашт,
Ҳамон тахт зер -андараш оҷ гашт.

Заданд андар он кор ҳар гуна рой,
Ҳаме чора аз рафтан омад ба ҷой.

Чу ранги гурез андаромехтанд,
Шаби тира аз Балх бугрехтанд.

Сипаҳбад бидонист он корашон,
Зи равшан равонҳои бедорашон.

Ялонсинаро гуфт: «Бо сад савор
Битоз аз паи ин ду ноҳушвор».

Ялонсина андар дабири бузург[3]
Расиду барошуфт бар сони гург.

Аз ӯ чиз бистад ҳама, ҳар чӣ дошт,
Ба банди гаронаш зи раҳ боздошт.

Ба наздики Баҳром бурдаш зи роҳ,
Бад-он то кунад бегунаҳро[4] табоҳ.

1. Л –нимшаб.
2. ИЛ – б. 1468, 1469 нест.
3. ИЛ–чу огаҳ шуд аз
4. Л – бегунохаш

www.sattor.com

Бад-ӯ паҳлавон гуфт, к-«Эй девсоз,
Чаро рафтӣ аз назди ман бе ҷавоз?».

Чунин дод посух, ки «Эй паҳлавон,
Маро кард Харроди Барзин навон.

Маро гуфт, к-Эдар[1] будан рӯй нест,
Диранги ту ҷуз коми бадгӯй нест.

Чу Баҳроми ял паҳлавони сипоҳ,
Ба шоҳӣ нишинад бар ин боргоҳ,

Марову туро биму куштан бувад,
Аз эдар магар бозгаштан бувад».

Бад-ӯ гуфт Баҳром: «Шояд будан,
Ба неку ба бад рой бояд задан».

Зиёне, ки будаш, ҳама боздод,
Ҳам аз ганҷи хешаш яке[2] соз дод.

Аз он пас бад-ӯ гуфт: «Рав, кори хеш
Ба жарфӣ нигаҳ дору магрез беш».

ОГАҲ ДОДАНИ ХАРРОДИ БАРЗИН ҲУРМУЗДРО АЗ КОРИ БАҲРОМИ ЧӮБИНА

В-аз ин рӯй Харроди Барзин ниҳон
Ҳаме тохт то назди шоҳи ҷаҳон.

Ҳама гуфтаниҳо бад-ӯ бозгуфт,
Ҳама розҳо баркушод аз нуҳуфт.

Чунин то аз он бешаву марғзор
Якояк ҳама гуфт бо шаҳрёр.

В-аз он рафтани гӯру он роҳи танг,
Аз ороми Баҳрому чандон диранг.

1. Л – Ҳаме гуфт: эдар
2. ИЛ – басе

www.sattor.com

В-аз он коху[1] он тахти гавҳарнигор,
Парастандагону аз он[2] тоҷдор.

Якояк бигуфт, он чи з-ӯ дида буд,
Дигар ҳарчи з-он кор бишнида буд.

Аз он тоҷвар монд андар шигифт,
Сухан ҳарчи бишнид, дар дил гирифт.

Чу гуфтори мӯбад ба ёд омадаш,
Зи дил-бар яке сард бод омадаш.

Ҳамон низ гуфтори он фолгӯ,
Ки гуфт ӯ бупечад сар аз тахт ӯ.

Сабук мӯбади мӯбадонро бихонд,
Бад-он ҷой Харроди Барзин нишонд.

Ба Харроди Барзин чунин гуфт шоҳ,
Ки «Букшой лаб з-он, ки диди ба роҳ»,

Ба фармони ӯ худ забон баркушод,
Суханҳо якояк ҳама кард ёд.

Бад-ӯ шоҳ гуфт: «Ин чӣ шояд будан,
Ҳама достонҳо бибояд задан?

Ки дар беша гӯре бувад раҳнамой,
Миёни биёбон бубинӣ сарой.

Абар тахти заррин зане тоҷдор
Парастанда пеш- андарун шоҳвор,

Ба кирдори хобест ин достон,
Ки ёд ояд аз гуфтаи бостон».

Чунин гуфт мӯбад ба шоҳи ҷаҳон,
Ки «Ин[3] гӯр деве бувад дар[4] ниҳон.

1. Л – тоҷу
2. ИЛ – зани
3. ИЛ –Он
4. Л –буд андар

www.sattor.com

Чу Баҳромро хонд аз ростӣ,
Падид омад андар дилаш костӣ.

Ҳамон кох чун[1] гӯрситоне шинос,
Бар он тахт зан ҷодуе носипос,

Ки Баҳромро он[2] сутургӣ фузуд,
Ҳамон[3] тоҷу тахти бузургӣ намуд.

Чу баргашт аз ӯ, пурманиш гашту маст,
Чунон дон,[4] ки ҳаргиз наёяд ба даст.

Ба дил доғаш аз дукдони ту буд,
Раҳи деви ҷоду бад-он барфузуд.

Набоист он хилъати носазо
Фиристод наздики он пурҷафо,

Ки эрониён з-он бупечидаанд,
Умед аз шаҳаншоҳ бубридаанд.[5]

Кунун чора он кун, ки то он сипоҳ
Зи Балх оварӣ сӯи ин боргоҳ».

Пушаймон шуд аз карди худ шаҳрёр,
Аз он пунбаву ҷомаи пурнигор.

Зи Харроди Барзин бипурсид шоҳ:
«Чӣ гуфтанд аз он зан бад-он боргоҳ?»

Ба Ҳурмуз чунин гуфт, к- «Эй шаҳрёр, –
Сипаҳ яксара, – он зани номдор,–

Бигуфтанд, к-ин бахти Баҳром буд,
Ки бас хуб бар тахту падром буд».

Чу бишнид з-ӯ ин сухан шаҳрёр,
Битарсид сахт аз бади рӯзгор.

1. Л–кохро
2. Л – з-он; И –ин
3. Л – Чун он; И – Чун он тоҷу тахту
4. ИЛ– шуд
5. ИЛ –б. 1507–1509 нест.

www.sattor.com

Бад-ин барнаёмад басе рӯзгор,[1]
Ки омад кас аз паҳлавони савор.

Яке салла аз ханҷар анбошта,[2]
Якояк сари теғ баргошта.

Биёварда, бинҳод дар пеши шоҳ,
Ҳаме кард шоҳ андар оҳан нигоҳ.

Бифармуд, то теғҳо бишкананд,
Бад-он саллаи нобакор афкананд.

Фиристод наздики Баҳром боз,
Нагуфта сухан, гашта пайдо зи[3] роз.

Сари салла чун кард Баҳром боз,
Бидид он сари теғҳои дароз.[4]

Ба ду ним[5] карда, ниҳода ба ҷой,
Пурандеша шуд марди[6] баргаштарой,

Фиристоду эрониёнро бихонд,
Ҳама гирди он салла андарнишонд.

Чунин гуфт, к- «Ин ҳадяи шаҳрёр,
Бубинеду инро мадоред хор.

Ҳаме гӯяд ин лашкари бебаҳост,
Сари ханҷар инро, ки гуфтам гувост».

Пурандеша шуд лашкар аз кори шоҳ,
Зи гуфтори он паҳлавони сипоҳ.

Ки як рӯзмон ҳадяи шаҳрёр,
Бувад дук бо ҷомаи пурнигор,

1. ИЛ – б. 1512–1516 нест.
2. Л – Яке салла ханҷар барафрошта,
3. Л – Суханҳои бекору бемарди
4. Л – б. 1520 нест.
5. Л – нима
6. Л – буд марду

www.sattor.com

Шикаста дигар рӯз ханҷар бувад,[1]
Зи захму зи дашном бадтар бувад.

Агар низ Баҳром пури Гушасп
Бар он хоки даргоҳ бугзорад асп,

Зи Баҳром на мағз боду на пӯст,
На он камбаҳоро, ки Баҳром аз ӯст.

Сипаҳбад чу гуфтор аз эшон шунид,
Дили лашкар аз тоҷвар гашта[2] дид.

Ба лашкар чунин гуфт пас паҳлавон,
Ки «Бедор бошеду равшанравон,

Ки Харроди Барзин бари шаҳрёр
Суханҳои пӯшида кард ошкор.

Кунун як ба як чораи ҷон кунед,
Ҳама бо ман имрӯз паймон кунед.

Магар кас фиристам зи лашкар ба роҳ,
Ки доранд моро зи душман нигоҳ.

В-агарна маро рӯз баргашта гир,
Сипаҳро якояк ҳама кушта гир».

Бигуфт ину худ сози дигар гирифт,
Нигаҳ кун кунун, то бимонӣ шигифт.[3]

Пароканд бар гирди лашкар савор,
Бад-он то магар номаи шаҳрёр

Биёяд ба наздики эрониён,
Набанданд пайкори[4] ӯро миён.

Бар ин низ бугзашт як рӯзгор,
Нахонд эч кас номаи шаҳрёр.

1. ТПЗЛ – Чунин шоҳ бар гох ҳаргиз мабод,
На он кас, ки гирад аз ӯ низ ёд.
2. ИЛ –хаста
3. ТП – Сипаҳро зи ҳар гунае озмуд,
Ки дар дил зи лашкар варо бим буд.
4. Л – Бубанданд бар кор

www.sattor.com

СИГОЛИШ НАМУДАНИ БАҲРОМ БО САРДОРОН АЗ ПОДШОҲИИ ХУД ВА ПАНД ДОДАН ӮРО ГУРДИЯ ХОҲАРИ ХЕШ

Аз он пас гаронмоягонро бихонд,
Басе розҳо пеши эшон биронд.

Чу Ҳамдонгушаспу дабири бузург,
Ялонсина он номдори сутург.

Чу Баҳроми гурд он Сиёвушнажод,
Чу Кундогушасп он хирадманди род.

Ҳаме рой зад бо чунин меҳтарон,
Ки буданд шерону ҷанговарон.

Чунин гуфт пас паҳлавони сипоҳ
Бад-он лашкари тезу гумкардароҳ,

Ки «Эй номдорони гарданфароз,
Ба ройи шумо ҳар якеро ниёз.

Зи мо меҳтар озурда шуд бегуноҳ,
Чунин сар бупечид аз оину роҳ,[1]

Чӣ созему[2] дармони ин кор чист,
Набояд, ки бар хаста бояд гирист?

Ҳар он кас, ки пӯшид дард аз пизишк,
Зи мижгон фурӯ рехт хунин сиришк.

Зи донандагон гар бипӯшем роз,[3]
Шавад кори осон ба мо-бар дароз.

Кунун дардмандам, ман андар ниҳон
Бигӯям ба донандагони ҷаҳон.[4]

Бирафтам аз Эрон чунон кинахоҳ
Бад-он моя лашкар ба фармони шоҳ.

---

1. Л –б. 1546, 1547 нест.
2. Л – созеду; И –доред,
3. Л – В-агар даст аз ин кор дорем боз,
4. Л – б. 1551 нест;
ТПЗ – Шумо яксар аз корҳо огаҳед,
Бар-ин-бар, ки гӯям, гувоҳӣ диҳед.

www.sattor.com

Аз он беш душман набинад касе,
В-агарчанд монад ба гетӣ басе.

Чу Пармудаи турк бо Совашоҳ
Агар сӯи Эрон кашидӣ сипоҳ,

Наярзидӣ Эрон ба як мӯҳра мум,
В-аз он пас ҳаме дошт оҳанги Рум.

Ба Пармудаву Совашоҳ он расид,
Ки кас дар ҷаҳон он шигифтӣ надид.

Агарчи фаровон кашиданд ранҷ,
На-шон пил мондам аз он пас, на ганҷ.

Ба наввӣ яке ганҷ бинҳод шоҳ,
Тавонгар шуд, ошуфта буд[1] бар сипоҳ.[2]

Шумо ҳар касе чораи ҷон кунед,
Бад-ин хастагӣ то чӣ дармон кунед.

Ман аз роз пардахта[3] кардам дилам,
Аз он подшоҳӣ ҳаме бугсилам.[4]

Шумо чораҳо ҳар чӣ донед, зуд,
Зи ҳар неку бад бозронед[5] зуд,[6]

Паси пардаи номвар паҳлавон,
Яке хоҳараш буд равшанравои.

Хирадмандро Гурдия ном буд,
Парирух, дилороми Баҳром буд.

Чу аз парда гуфти бародар шунид,
Барошуфту аз кин дилаш бардамид.

---

1. ИЛ – шуд
2. ТПЗИЛ – Кунун чора ин домро чун кунам,
   Ки осон сар аз банд берун кунам.
   Шаҳаншоҳро корҳо сохта-ст,
   В-аз ин кори беранҷ пардохта-ст.*

   * И–Танҳо байти аввал ҳаст.
3. Л – пардахт
4. Л – Бигӯед, ки бинҳам дилам,
5. Л – гӯед
6. ТПЗ – Сипаҳро бад-ин гуфтаҳо озмуд,
   Ки дар дил зи лашкар варо бим буд.

www.sattor.com

Аз он анҷуман шуд диле пурсухан,
Лабон пур зи гуфторҳои куҳан.[1]

Бародар чу овози хоҳар шунид,
Зи гуфтори посух фурӯ орамид.[2]

Чунон ҳам зи гуфтор эрониён
Бимонданд яксар зи бими зиён.

Чунин гуфт пас Гурдия бо сипоҳ,
Ки «Эй номдорони ҷӯяндароҳ,[3]

Зи гуфтор хомуш чаро мондаед,
Чунин аз ҷигар ҷӯш биншондаед!

Чӣ бинед яксар ба кор-андарун,
Чӣ бозӣ ниҳед андар ин дашти хун?!

Аз Эрон саронеду[4] ҷанговарон,
Хирадманду бедордил меҳтарон».[5]

Чунин гуфт Эзадгушаспи савор,
Ки «Эй аз гаронмоягон ёдгор,

Забонҳои мо гар шавад теғи тез,
Зи дарёи ройи ту гирад гурез.

Ҳама корҳои шумо эзадист,
Зи мардиву аз донишу бихрадист.

Набояд, ки роҳи паланг оварем,
Ки бо ҳар касе роҳи ҷанг оварем.

Маҷӯед аз ин[6] пас кас аз ман сухун,
К-аз ин бораам[7] дониш омад ба бун.

---

1. И – б. 1565 нест;
   ТП – Ду дида пур аз обу рух чун зарир
   Забон тез карда чу пайкони тир.
2. Л – б. 1565, 1566 нест.
3. Л – номдорону гурдони шоҳ.
4. Л –Зи эронсаворону
5. И – донову афсунгарон.
6. И – з-ин
7. И –чораам

www.sattor.com

Агар ҷанг сози̅ ту, ёри̅ кунем,
Ба пеши саворон савори̅ кунем.

Чу хушнуд бошад зи ман паҳлавон,
Бар онам, ки ҷовид монам ҷавон».

Чу Баҳром бишнид гуфтори ӯй,
Миёнҷи̅ ҳаме дид бозори ӯй.

Аз он пас Ялонсинаро диду гуфт,
Ки «Акнун чи̅ дори̅ ту андар нуҳуфт?»

Ялонсина гуфт: «Эй сипаҳдори гурд,
Ҳар он кас, ки ӯ роҳи Яздон сипурд,

Чу пирӯзиву фарраҳи̅ ёбад ӯй,
Ба сӯи бади̅ ҳеҷ наштобад ӯй,

Ки он офарин низ[1] нафрин шавад,
Аз ӯ чархи гарданда пуркин[2] шавад.

Чу Яздон туро фарраҳи̅ доду бахт,
Ҳамон лашкару ганҷ бо тоҷу[3] тахт,

Аз ӯ гар пазири̅, ба афзун шавад,
Дил аз носипоси̅ пур аз хун шавад».

В-аз он пас ба Баҳроми Баҳром гуфт,
Ки «Эй бо хирад ёру бо рой ҷуфт,

Чи̅ гӯи̅, к-аз ин ҷустани тахту ганҷ
Бузургист фарҷом, агар дарду ранҷ?»

Бихандид Баҳром аз ин довари̅,
В-аз он пас барандохт ангуштари̅.

Бад-ӯ гуфт: «Чандон, ки ин дар ҳаво
Бимонад, шавад бандаи подшо.

Бузург аст, инро мапиндор хурд,
Ки дайҳимро хор натвон шумурд».

1. И – киро з-офарин кор
2. И – бар кин
3. Л – ганҷу ёрону

www.sattor.com

Чунин гуфт аз он пас ба Кундогушасп,
Ки «Эй теғзан шери тозандаасп,

Чӣ бинӣ, чӣ гӯӣ ту дар кори мо,
Бувад тахти шоҳӣ сазовори мо?»

Чунин гуфт Кундогушаспи[1] савор,
Ки «Эй дар ҷаҳон аз ялон ёдгор,

Яке мӯбаде достон зад ба Рай,
Ки ҳар кас, ки доно бувад некпай,

Агар подшоҳӣ кунад як замон,
Бипаррад равонаш сӯи осмон,

Беҳ аз банда будан ба соле дароз,
Ба фарри[2] ҷаҳондор бурдан[3] ниёз».

Чунин гуфт пас бо дабири бузург,
Ки «Букшой лабро ту, эй пиргург»,

Дабири бузург он замон лаб бубаст,
Ба анбӯҳи андеша андарнишаст.

Аз он пас чунин гуфт Баҳромро,
Ки «Ҳар кас, ки ҷӯё бувад комро,[4]

Чу дархӯрд ҷӯяд, биёбад ҳамон,
Дароз аст ёзанда дасти замон.

Зи чизе, ки бахшиш кунад додгар,
Чунон дон, ки кӯшиш наёбад гузар».

Ба Ҳамдонгушасп он замон гуфт боз,
Ки «Эй гашта андар нишебу фароз,

Сухан ҳар чӣ гӯӣ ба рӯи касон,
Шавад боду кирдори ӯ норасон.

1. ИЛ – Эзадгушаспи
2. ИЛ - ганҷи
3. ИЛ – бошад
4. ИЛ – номро,

www.sattor.com

Бигӯй, он чи бинӣ ба кор-андарун,
Ба[1] неку бади рӯзгор-андарун».

Чунин гуфт Ҳамдонгушаспи баланд,
Ки «Эй назди пурмоягон арҷманд,

Зи ноомада бад, чӣ тарсӣ ҳаме,
Зи дайҳими шоҳӣ чӣ пурсӣ ҳаме?

Бикун кору карда ба Яздон супор,
Ба хурмо чӣ ёзӣ, чу тарсӣ зи хор?[2]

Таносон нагардад сари анҷуман,
Ҳама бими ҷон бошаду ранҷи тан».

Зи гуфторашон хоҳари паҳлавон,
Ҳаме буд печону тираравон.

Бад-он доварӣ ҳеҷ накшод лаб,
Зи баргаштани шед то ними шаб.

Бад-ӯ гуфт Баҳром: «Аё[3] некзан,
Чӣ бинӣ зи гуфтори ин анҷуман?»

Варо Гурдия ҳеҷ посух надод,
На аз ройи он меҳтарон буд шод.

Чунин гуфт пас бо дабири бузург,
Ки «Эй марди бадсоз, чун деву гург![4]

Гумонат чунин аст, к-ин тоҷу тахт,
Сипоҳу бузургиву фирӯзбахт

Зи[5] гетӣ касеро набуд орзуй,[6]
Аз он номдорони озодахӯй?![7]

В-агар шоҳӣ осонтар аз бандагист,
Бар ин دониши ту бибояд гирист.

1. И – Зи
2. И –б. 1607 нест.
3. ИЛ –к-эй
4. И – бесози чун пиргург; И –б. 1613 нест,
5. Л –Ба
6. Л –орзу,
7. Л –озодахӯ.

www.sattor.com

Бар[1] оини шоҳони пешин равем,
Суханҳои он бартарон бишнавем.[2]

Басе буд, ки бекор буд тахти шоҳ,
Накард андар ӯ ҳеҷ кеҳтар нигоҳ.

Ҷаҳонро ба мардӣ нигаҳ доштанд,
Яке чашм бар тахт нагмоштанд.[3]

Набуданд ёрон ба тахти каён,
Ҳамон бандагиро камар бар миён.

Бубастанду з-эшон беҳӣ хостанд,
Ҳама дил ба фармон биёростанд.

На бегона зебои афсар бувад,
Сазои бузургӣ ба гавҳар бувад.

Зи Ковусшоҳ андароям нахуст,
Куҷо рози Яздон ҳамехост ҷуст,

Ки бар осмон ахтарон бишмарад,
Хами чархи гардандаро бингарад.[4]

Ба зориву хорӣ ба Сорӣ фитод
Аз андешаи кажжу аз бадниҳод.

Чу Гударзу чун Рустами паҳлавон,
Накарданд ранҷа бад-ин-бар равон.

---

1. И –Ба
2. ТПЗ – Чунин дод посух мар ӯро дабир,
Ки гар ройи ман нестӣ ҷойгир,
Ҳамон гӯю, он кун, ки рой оядат,
Бад-он рав, ки дил раҳнамой оядат.
Ҳамон хоҳараш низ Баҳромро,
Чунин гуфт он марди худкомро:
«На некӯст ин донишу ройи ту,
Ба кажжӣ хиромад ҳаме пойи ту.
3. ТПИЛМ – Ҳар он кас, ки доно бувад* покмағз,
Зи ҳар гуна андеша оварда** нағз,
Бидонад, ки шоҳӣ беҳ аз бандагист,
Ҳам он бартарӣ беҳ зи афкандагист.***
* И – буду ** И – карданд *** танҳо б. аввал ҳаст.
4. Л – б. 1624 нест.

www.sattor.com

В-аз он пас, ки ӯ шуд ба Ҳомоварон,
Бубастанд пояш ба банди гарон,

Кас оҳанги он тахти шоҳӣ[1] накард,
Ҷуз аз курм,[2] тимори эшон нах(в)ард.

Чу гуфтанд бо Рустам эрониён,
Ки ҳастӣ сазовори тахти каён,

Яке бонг барзад бар он кас, ки гуфт,
Ки «Бо тухмаи дев бошед ҷуфт.

Маро тахти зар бояду баста шоҳ,
Мабод он бузургӣ, мабод он кулоҳ!»

Гузин кард аз Эрон даҳу ду ҳазор
Ҷаҳонгиру баргустувонвар савор.

Раҳо кард аз он банд Ковусро,
Ҳамон Геву Гударзу ҳам Тусро.

Ҳамон низ Пирӯз чун кушта шуд,
Бар[3] эрониён рӯз[4] баргашта шуд.

Диловар шуд аз кори ӯ Хушнавоз,
Ба ором биншаст бар тахти ноз.

Зи фарзанд Қоран бишуд Суфарой,
Биёвард[5] гоҳи[6] меҳӣ боз ҷой.

Зи пирӯзии ӯ чу омад нишон,
Аз Эрон бирафтанд гарданкашон,

Ки бар вай ба шоҳӣ кунанд офарин,
Шавад кеҳтаре шаҳрёри замин.

Ба эрониён гуфт: «Ин носазост,
Бузургиву тоҷ аз дари подшост.

1. И – гурму
2. ИЛ –ту зебои.
3. И – Аз
4. И– кор
5. Л –Ки овард
6. И – Ки овард бахти

www.sattor.com

Қубод арчи хурд аст, гардад бузург,
Наёрем дар бешаи шер гург.

Ту хоҳӣ, ки шоҳӣ кунӣ бе нажод,
Ҳама[1] дударо[2] дод хоҳӣ ба бод.

Қубод он замон чун ба мардӣ расид,
Сари Суфарой аз бари[3] тоҷ дид.

Ба гуфтори бадгавҳаронаш бикушт,
Ки ӯ буд дар подшоҳиш пушт.[4]

В-аз он пас бубастанд пои Қубод,
Савори диловар кайи[5] кайнажод.[6]

Ба Размеҳр додаш яке бадгуҳар,[7]
Ки кини падар з-ӯ бихоҳад[8] магар.

Нигаҳ кард Размеҳр, касро надид,
Ки бо тоҷ бар тахти[9] шоҳӣ сазид.

Аз ӯ банд бардошт, то кори хеш
Биҷӯяд, кунад тез бозори хеш.

Кас аз кеҳтарон тоҷи[10] шоҳӣ наҷуст,
В-агарчанд будаш нажоди[11] дуруст:

Зу туркон яке номи ӯ Совашоҳ,
Биёмад, ки ҷӯяд нигину кулоҳ.

Чунин хост равшан ҷаҳонофарин,
Ки ӯ нест гардад ба Эронзамин.[12]

1. И – Ҳаме
2. Л – Ҳамв хешро
3. ИЛ – дари
4. ТПМ – Чу лашкар барошуфт бар Кайқубод,
Нишонданд Ҷомосп бар тахти дод.
5. И – Диловарсаворе каю
6. Л – Диловарсаворе, кае бонажод.
7. Л – беҳунар,
8. ИЛ – биҷӯяд
9. И – ӯ тоҷу тахти
10. ИЛ – бандагон тахти
11. ИЛ – будӣ нажодаш
12. ТПЗ – Ба фарри ҷаҳондор бар дасти ту,
Чу омад чунин кор аз шасти ту.

www.sattor.com

Туро орзу тахти[1] шоҳаншаҳӣ,
Чаро кард аз он пас, ки будӣ раҳӣ.[2]

Ҳаме барҷаҳонад Ялонсина асп,
Ки то ман зи Баҳроми пури Гушасп

Ба нав[3] дар ҷаҳон шаҳрёрӣ кунам,
Тани хешро ёдгорӣ кунам.

Хирадманд шоҳе чу Нӯшинравон,
Ба Ҳурмуз будӣ рӯзи пирӣ ҷавон.

Бузургони кишвар ҳама ёваранд,
Чи ёвар, ҳама бандаву чокаранд.

Ба Эрон савор аст сесад ҳазор,
Ҳама паҳлавону ҳама номдор.

Ҳама як ба як шоҳро бандаанд,
Ба фармону рояш сарафкандаанд.

Шаҳаншоҳи гетӣ туро баргузид,
Чунон, к-аз раҳи номдорон сазид.

Ниёкон туро ҳамчунон номдор,
Ба ҳар ҷой бар душманон комгор.

Ту подоши ин некуӣ бад кунӣ,
Чунон дон, ки бад бо тани х(в)ад кунӣ.[4]

Макун озро бар хирад подшо,
Ки доно нахонад туро порсо.

Агар ман занам, панди мардон диҳам,
На[5] бисёр сол аз бародар кеҳам.

Мадеҳ коркарди ниёкон ба бод,
Мабодо, ки панди ман ояд-т ёд».

1. И – кард
2. И – Чунон дон, ки кардӣ ту аз ҷон тиҳӣ.
3. И- туй
4. ТПЗ – Мазан, эй бародар, ту ин рои бад,
К-аз ин ройи бад мар туро бад расад.
5. ИЛ –Ба

www.sattor.com

Сипаҳдор лабро ба дандон гирифт,
Ҳама анҷуман монд аз ӯ дар шигифт.

Бидонист, к-ӯ рост гӯяд ҳаме,
Ҷуз аз роҳи хубӣ наҷӯяд ҳаме.

Ялонсина гуфт: «Эй гаронмоя зан,
Ту бар анҷуман ройи шоҳон мазан,

Ки Ҳурмуз бад-ин чанд гаҳ бугзарад,
Зи тахти меҳӣ паҳлавон бар х(в)рад.

Чу Ҳурмуз чунин бошад андар ҳунар,
Бародар-тро шоҳи Эрон шумар.

Ба тоҷи кайӣ ар бинозад ҳаме,
Чаро хилъат аз дук созад ҳаме.

Яке паҳлавон шермарде чунин,
Ки аз бими теғаш биларзад замин,[1]

Бад-ӯ духу панба фиристад нисор,
Туфу бар чунон бевафо шаҳрёр![2]

Сухан бас кун аз Ҳурмузи туркзод,
Ки андар замона мабод он нажод!

Гар аз Қайқубод андарорӣ шумор,
Бад-ин тухма-бар солиён шуд ҳазор,

Ки бо тоҷ буданд бар тахти зар,
Сар омад кунун, номи эшон мабар!

Зи Парвизи Хусрав маяндеш низ,
К-аз ӯ ёд кардан наярзад ба чиз!

Ба даргоҳи ӯ ҳар кӣ вижатаранд,
Бародар-тро камтарин чокаранд.

Чу Баҳром гӯяд бад-он кеҳтарон,
Бубандед пояш ба банди гарон,

1. ТПЗ – Агар монадӣ теғи ӯ дар ниём,
На Ҳурмуз бимондӣ, на Эрону Шом.
2. ИЛ –б. 1670–1671 нест.

www.sattor.com

Бубанданд ҳам бар замон пои ӯ
Нишинад бародар-т бар ҷои ӯ».[1]

Бад ӯ Гурдия гуфт: «Деви сиёҳ
Ҳамон дом созад шуморо ба роҳ.

Макун бар тану ҷони мо-бар ситам,
Ҳаме аз ту бинам ҳама боду дам.

Падар марзбон буд моро ба Рай,
Ту афкандӣ ин ҷустани тахт пай.

Чу Баҳромро дил ба ҷӯш оварӣ,
Табори маро дар хурӯш оварӣ,

Шавад ранҷи ин тухмаи мо ба бод,
Зи[2] гуфтори ту, кеҳтари баднажод.

Пурошӯб кун рӯзи оромро,
Кунун роҳбар бош Баҳромро!»

Бигуфт ину гирён сӯи хона шуд,
Ба дил бо бародар чу бегона шуд.

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки ин покзан
Чӣ некӯ сухан гуфт бар анҷуман.[3]

Ту гуфтӣ,[4] ки гуфтораш аз дафтар аст,
Зи[5] дониш ба[6] Ҷомосп ӯ бартар[7] аст.

Чу Баҳромро он наёмад писанд,
Ҳаме буд аз овози хоҳар нажанд.

Дили тира з-андешаи дерёб
Ҳаме тахти шоҳӣ намудаш ба хоб.

Чунин гуфт пас, к- «Ин сарои сипанҷ
Наёбанд ҷӯяндагон ҷуз ба ранҷ».

1. ИЛ –б. 1678 нест.
2. ИЛ –Ба
3. ИЛ–Сухангӯву равшандилу ройзан.
4. ИЛ –гӯйӣ
5. ИЛ – Ба
6. ИЛ –зи
7. И – номитар

www.sattor.com

Бифармуд, то хон биёростанд,
Маю руду ромишгарон хостанд.

Ба ромишгаре гуфт, к- «Имрӯз руд
Биёрой бо паҳлавонӣ суруд.

Нахоҳам ҷуз аз номаи «Ҳафт хон,
Бар ин майгусорон лахте бихон,

Ки чун шуд ба рӯиндиж Исфандиёр,
Чӣ бозӣ намуд андар он рӯзгор».

1695 Бихӯрданд бо ёди ӯ чанд май,
Ки обод бодо бару буми Рай,

К-аз он бум хезад сипаҳбад чу ту,
Фузун офаринод Эзад чу ту.

Пароканда гаштанду шаб тира гашт,
Сари майгусорон зи[1] май хира гашт.

СИККА ЗАДАНИ БАҲРОМ БА НОМИ ХУСРАВИ ПАРВИЗ

Чу барзад синон офтоби баланд,
Шаби тира гашт аз дурахшаш[2] нажанд.

Сипаҳдор Баҳроми гурди сутург,
Бифармуд, то шуд дабири бузург.

1700 Ба хоқон яке нома аржангвор
Навиштанд пурбӯю рангу нигор.

Ба пӯзиш, к-аз он карда ҳастам бадард,
Дилам пур[3] пушаймониву[4] боди сард.

1. И – ба
2. И – дирафшаш
3. И –Диле бар
4. Л–Диле пур пушаймону пур

www.sattor.com

Аз ин пас бару буму марзи туро[1]
Наёзорам аз баҳри арзи туро.[2]

Агар бар ҷаҳон пок меҳтар шавам,
Туро ҳамчу кеҳтар бародар шавам.

Ту бояд, ки дилро бишӯӣ зи кин,
Надорӣ ҷудо марзи Эронзамин.[*3]

Ба дил ёдгори гузашта магир,
Ки Яздон зи банда-ст пӯзишпазир.

Ҳама офарин бод бар ройи ту,
Бар он номвар буму бар ҷойи ту.

Суханҳо ҷуз ин низ бисёр гуфт,
Фиристода бо бод дар роҳ ҷуфт.

Чу шуд назди хоқони Чин сарфароз,
Фаровон-ш бистуду бурдаш намоз.

Ҳамон номаи паҳлавонро бидод,
Ҷуз он ҳам суханҳо басе кард ёд.

Сипаҳдори Чин шуд зи пайғом шод,
Фиристодаро чиз бисёр дод.

Ҳамон номаро зуд посух навишт,
Ба боғи бузургӣ дарахте бикишт.

Фиристод Баҳромро хоста,
Зи посух дилаш гашт ороста.[4]

Чу пардахта шуд з-он, дигар соз кард,
Дари ганҷи гирдомада боз кард.

Сипаҳро дирам доду аспу раҳӣ,
Ниҳонӣ ҳаме ҷуст ҷои меҳӣ.

---

1. И – ҳама марз яксар турост,
2. И – Ки асли бузургиву гавҳар турост;
   Л – Аз ин пас бару буму он марзи ту,
   Наёзорам аз мардиву арзи ту
3. М – Эрон зи Чин.
4. ИЛ –б. 1705–1712 нест.

www.sattor.com

Зи лашкар яке паҳлавон баргузид,
Ки солори марзи[1] Хуросон сазид.

Хуросон бад-ӯ дод бо лашкаре
Нишопур бо Балху Марву Ҳарӣ.

Пурандеша аз Балх шуд сӯи Рай,
Ба хурдоди фархунда дар моҳи дай[2].

Ҳаме кард андеша дар бешу кам,
Бифармуд пас, то сарои дирам

Бисозанду ороиши нав кунанд,
Дирам мӯҳр бар номи Хусрав кунанд.

Зи бозоргонон яке[3] покмағз,
Сухангӯю андархури кори нағз.

Ба мӯҳр он дирамҳо ба бадра- арун
Биёварду гуфто, ки дар Тайсафун

Биёранд пурмоя дебои Рум,
Ки пайкар бирешим бувад, зар-ш бум.

Бихарранд, то он дирам назди шоҳ
Баранду кунад мӯҳри ӯро нигоҳ.

Фиристодае ҷуст борою ҳуш,
Диловар ба сони хуҷаста суруш.

НОМА НАВИШТАНИ БАҲРОМ НАЗДИ ҲУРМУЗД ВА ГУРЕХТАНИ ХУСРАВИ ПАРВИЗ АЗ ПЕШИ ПАДАР

Яке нома бинвишт пурбоду дам,
Сухан гуфт ҳар гуна аз бешу кам.

Зи Пармудаву лашкари Совашоҳ,
Зи разме, ки ӯ карда буд бо сипоҳ.

1. Л – буми
2. ИЛ – б. 1717 нест.
3. Л – бозоргон он ки буд

www.sattor.com

В-аз он хилъате, к-омад ӯро зи шоҳ,
Зи миқноу он дукдони сиёҳ.

Чунин гуфт аз он пас, ки «Ҳаргиз ба хоб
Набинӣ маро, шаст баркаш зи об.

Ҳар он гаҳ ки Хусрав нишинад ба тахт,
Писар-т он гаронмояи некбахт,

Ба фармони ӯ роғ ҳомун кунам,
Биёбон зи душман чу Ҷайҳун кунам.

Агар кӯдак аст, ӯ ба шоҳӣ сазост,
Вафодор ӯ, на чу ту бевафост.

Пазируфтам ӯро ба шоҳаншаҳӣ,
Аз ин пас набошам ҷуз ӯро раҳӣ.[1]

Ҳаме хост то бар писар шаҳрёр,
Сар орад магар бегунаҳ рӯзгор,[2]

Ки ӯро ҳама бими Парвиз буд,
Ки бар подшоҳ ӯ диловез буд».[3]

Ҳама ёд кард ин ба нома-дарун,
Фиристода омад сӯи Тайсафун.

Ба бозоргон гуфт: «Мехи дирам,
Чу Ҳурмуз бубинад, бупечад зи ғам,

Чу Хусрав набошад варо ёру пушт,
Бубинад зи ман рӯзгори дурушт.

Чу озармҳо бар замин барзанем,
Ҳама бехи Сосон зи бун барканем,

На он тухмаро кард Яздон замин
Гаҳ омад, ки бархезад ин офарин».

1. ИЛ –б. 1731, 1732 нест.
2. ТПЗ – Падар гардад озурда з-ӯ дар ҷаҳон,
Ситонад равонаш яке дар ниҳон.
3. ИЛ–б. 1734 нест.

www.sattor.com

1740 Биёмад фиристодаи некпай
Ба Бағдод бо номдорони Рай.

Чу нома ба наздики Ҳурмуз расид,
Рухаш гашт аз он нома чун шанбалид.

Пас огоҳӣ омад зи мехи дирам,
Якояк бар он ғам бияфзуд ғам.

Бупечиду шуд бар писар бадгумон,
Бигуфт ин ба Оингушасп он замон.

Ки «Хусрав ба мардӣ ба ҷое расид,
Ки аз мо ҳаме сар бихоҳад кашид,

1745 Дирамро ҳаме мех созид низ,
Сабук доштан бештар з-ин чӣ чиз?»

Ба посух чунин гуфташ Оингушасп,
Ки «Бе ту мабинод майдону асп.

Агарчанд Парвиз фарзанди туст,
Бад-ин кор зебад, ки дар банди туст».[1]

Чунин гуфт Ҳурмуз, ки «Ман ногаҳон
Ҳамин[2] шӯхро гум кунам аз ҷаҳон!»

Чунин гуфт бо номвар номҷуй,
Ки «Бе ту мабинод кас коми ӯй».

1750 Ниҳонӣ яке мардро хонданд,
Шаби тира бо шоҳ биншонданд.

Бад-ӯ гуфт Ҳурмуз, ки «Фармон гузин,
Зи Хусрав бипардоз рӯи замин».

Чунин дод посух, ки «Эдун кунам,
Ба афсун зи дил меҳр берун кунам.

Кунун заҳр фармояд аз ганҷ шоҳ,
Чун ӯ маст гардад шабони сиёҳ,

1. Л –б. 1745, 1747 нест; Л – б. 1747 нест.
2. ИЛ – Мар ин

www.sattor.com

Кунам заҳр бо май ба ҷом-андарун,
Аз он беҳ, ки дасте биёзӣ[1] ба хун».

Набуд Хусрав огаҳ зи кори газанд,
Нишаста ба оромгоҳ арҷманд.[2]

Бути дилнавозу майи хушгувор,
Парастиду огаҳ набуд ӯ зи кор.[3]

Аз ин сохтан ҳоҷиб огоҳ шуд,
Бар ӯ кому ором кӯтоҳ шуд.

Биёмад дамон пеши Хусрав, бигуфт,
Ҳама розҳо баркушод аз нуҳуфт.

Чу бишнид Хусрав, ки шоҳи ҷаҳон
Ҳаме куштани ӯ сиголад ниҳон,

Шаби тира аз Тайсафун даркашид,
Ту гуфтӣ, ки гашт аз ҷаҳон нопадид.

Надод он сари пурбаҳо ройгон,
Ҳаме тохт то Озарободагон.

Чу огоҳӣ омад ба ҳар меҳтаре,
Ки буд марзбон бар сари кишваре,

Ки Хусрав биёзурд аз шаҳрёр,
Бирафтаст бо хормоя савор.[4]

Ба пурсиш гирифтанд гарданкашон,
Ба ҷое, ки буд аз гиромӣ нишон.

Чу бо доди Кисро буду зӯри пил,
Ба бахшиш чу дарёву чун рӯди Нил,[5]

---

1. Л – куҷо даст ёзӣ
2. ТПМ. – Ҳаме ромишу базму май кор буд,
   Ба як ҳафта ду рӯз б-ишкор буд.
3. ИЛ – б. 1755, 1756 нест;
ТПМ – Чу Яздон чунон хост, к-аз чархи моҳ
   Фарозад басе сол Хусрав кулоҳ.
4. Л – Гурезон шудаст аз бади рӯзгор.
5. ТПЗИ – Зи Гургон чу Устои яздонпараст,
   Зи Уммон чу Ханҷ аст чун пили маст.

www.sattor.com

Зи Шероз чун Сом Исфандёр,
Зи Кирмон чу Пирӯз гурди савор,[1]

Якояк ба Хусрав ниҳоданд рӯй,
Сипоҳу сипаҳбад ҳама шоҳҷӯй.

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки «Эй пури шоҳ,
Туро зебад ин тахту тоҷу кулоҳ.

Аз Эрону аз дашти найзаварон,
Зи ханҷаргузорону ҷангисарон

Биёянд чандон, ки хоҳӣ барат,
Бувад фарри ту раҳбари лашкарат.[2]

Нигар, то надорӣ ҳарос аз газанд,
Бизӣ шоду хандондилу[3] арҷманд.

Замоне ба нахчир тозем асп,
Замоне навон пеши Озаргушасп.

Ба кирдори некон ситоиш[4] кунем,
Чу оташпарастон ниёиш[5] кунем.

Гар аз шаҳри Эрон чу сесад ҳазор,
Газанди туро барнишинад савор,

Ҳама пеши ту тан ба куштан диҳем,
Сипосе бар он куштагон барниҳем».

Бад-эшон чунин гуфт Хусрав, ки «ман
Пур аз бимам[6] аз шоҳу аз[7] анҷуман.

Агар пеши Озаргушасп ин сарон
Биёянду савгандҳои гарон

1. Л –б. 1765, 1766 нест.
2. ИЛ – б. 1770 нест.
3. Л –рому шодондилу; И – шод бо коми дил,
4. ИЛ – ниёиш
5. И – Зи оташ ба Яздон намоиш;
   Л – Зи яздонпарастон намоиш
6. И – бим
7. Л – он.

www.sattor.com

Хӯранду маро яксар эмин кунанд,
Ки паймони ман з-ин сипас нашкананд,

Бибошам бад-ин марз бо эманӣ,
Натарсам зи тимори оҳарманӣ.

Ялон чун шуниданд гуфтори ӯй,
Ҳама сӯи Озар ниҳоданд рӯй.

Бихӯрданд савгандҳое, ки хост,
Ки меҳри ту бо дида дорем рост.

Чу эмин шуд аз номдорон ниҳон,
Зи ҳар сӯ барафканд корогаҳон,

Ки то аз гурезаш чӣ гӯяд падар,
Магар чораи нав бисозад дигар.

Чу бишнид Ҳурмуз, ки Хусрав бирафт,
Ҳам андар замон кас фиристод тафт.

Чу Густаҳму Биндӯйро карда банд,
Ба зиндон барад марди носудманд,

Ки ин ҳар ду холони Хусрав буданд,
Ба мардонагӣ дар ҷаҳон нав буданд.[1]

Ҷуз ин ҳар кӣ буданд хешони ӯй,
Ба зиндон кашиданд бо гуфтугӯй.

ФИРИСТОДАНИ ҲУРМУЗД ОИНГУШАСПРО БА ҶАНГИ БАҲРОМ ВА КУШТА ШУДАНИ Ӯ

Ба[2] Оингушасп он гаҳе шоҳ гуфт,
Ки «Аз рой дурему[3] бо дард ҷуфт.

1. И – Пас аз б. 1787 ин б. омада:
Чу рӯзи дигар гӯйи заррини меҳр
Равон гашт бар авҷи саҳни сипеҳр,
Бар андеша биншаст Ҳурмуз пагоҳ,
Чу марди саросема гумкардароҳ.
2. И – Бар
3. И–дурем,

www.sattor.com

Чӣ нав[1] шуд, чӣ созем Баҳромро,
Чунон бандаи хори худкомро?»

Шуд Оингушасп андар он роҳҷӯй,
Ки он ройро[2] чун диҳад рангу бӯй.

Бад-ӯ гуфт, к- «Эй шоҳи гарданфароз,
Суханҳои Чӯбин зи ман шуд дароз.

Ҳаме хуни ман ҷӯяд андар ниҳон,
Нахустин зи ман гашт хаста равон.

Маро назди ӯ пой карда ба банд,
Фиристӣ, магар бошадат судманд».

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Ин на кори ман аст,
Ки ин роҳи бадгавҳар Оҳарман аст.

Сипоҳӣ фиристам, ту солор бош,
Ба разм- андарун номбардор бош.

Нахустин фиристаш яке раҳнамун,
Бад-он то чӣ бинад[3] ба сар-ш андарун.

Агар меҳтарӣ ҷуяду тоҷу тахт,
Ба фарҷом печад аз ӯ рӯй бахт.

В-агар ҳамчунин вижа кеҳтар бувад,
Ба фарҷом ором[4] беҳтар бувад.

Зи гетӣ яке бахра ӯро диҳам,
Кулоҳи ялонаш ба сар барниҳам.

Зи гетӣ чу Баҳроми ҷангӣ кам аст,
Маро чокар аст, арчи чун Рустам аст.[5]

Маро яксар аз кораш огоҳ кун,
Дирангӣ марав, роҳ кӯтоҳ кун».

1. Л – Чу ӯ
2. И – онро ҳаме
3. И–Нигар, то чӣ бинӣ
4. Л–корон-ш
5. ИЛ –б. 1800 нест.

www.sattor.com

Ҳаме сохт Оингушасп ин сухун,
Куҷо шоҳи фарзона афканд бун.

Яке мард буд баста аз шаҳри ӯй,
Ба зиндони шоҳ- андарун чораҷӯй.

Чу бишнид, к-Оингушасп ин савор
Ҳаме рафт хоҳад сӯи корзор.[1]

Касеро зи зиндон ба наздики ӯй
Фиристод, к- «Эй меҳтари роҳҷӯй,

Зи шаҳрат яке баста зиндониям,
Нагӯям ҳамоно, ки худ дониям.

Маро гар бихоҳӣ ту аз шаҳрёр,
Давон[2] бо ту оям дар ин корзор.

Ба пеши ту бо ҷон бикӯшам ба ҷанг,
Чу ёбам раҳоӣ зи зиндони танг».

Фиристод Оингушасп он замон
Касеро бари шоҳи гетӣ дамон,[3]

Ки ҳамшаҳрии ман ба зиндон-дар аст,
Ба банду ба бими газанд-андар аст.

Ба ман бахшад ӯро ҷаҳондор шоҳ,
Ҳам акнун ба ман андарояд ба роҳ».

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Ин бади нобакор
Ба пеши ту-дар кай кунад корзор!

Яке марди хунрезу бекору дузд
Бихоҳӣ зи ман, чашм дорӣ ба музд.

Валекин кунун з-ин сухан чора нест,
В-агар з-ӯ батар низ патёра нест».

Бад-ӯ дод марди бадомезро,
Чунон бадкуниш дузди хунрезро.

1. Л – б. 1804 нест.
2. Л –Равон
3. И – ба наздики шоҳи ҷаҳон,

www.sattor.com

Биёвард Оингушасп ин сипоҳ,
Ҳаме ронд чун бод лашкар ба роҳ.

Бад-ин гуна то шаҳри Ҳамдон расид,
Ба ҷое, ки лашкар фуруд оварид.

Бипурсид тозон гаронмоя шаҳр,
«Кӣ дорад ҳаме з-ахтару фол баҳр?»

Бад ӯ ҳар касе гуфт: «Ахтаршинос
Ба назди ту ояд, пазирад сипос.[1]

Яке пирзан моядор эдар аст,
Ки гӯӣ магар дидаи ахтар аст.[2]

Сухан ҳарчӣ гӯяд, набошад ҷуз он,
Нагӯяд ба таммузу[3] моҳи[4] хазон».

Чу бишнид гуфтораш Оингушасп,
Ҳам андар замон кас фиристоду асп.

Чу омад, бипурсидаш аз кори шоҳ,
В-аз он, к-ӯ биёвард лашкар ба роҳ.

Бад-ӯ гуфт: «Аз он пас, ки дар гӯши ман
Яке лаб биҷунбон, ки то[5] ҳуши ман

Ба бистар барояд зи тира танам,
В-агар хаста аз ханҷари душманам»

Ҳаме гуфт бо пирзан рози хеш,
Ниҳон карда аз ҳар кас овози хеш.

Миён- андарун мард, к-ӯро зи шоҳ
Раҳонида бо ӯ биёмад ба роҳ,

Ба пеши зани фолзан баргузашт,
Ба меҳтар нигаҳ карду андаргузашт.

1. ТПЗ – Яке пир аз он шаҳр буд номҷӯй,
Гурозон биёмад ба наздики ӯй.
2. ТПМ – Аз ӯ фолзан беҳ набошад ҳаме,
Набошанд гуфтан-ш бешу каме.
3. И – Бигӯяд ба таммуз,
4. Л – Бигӯяд ба таммуз ранги
5. И – яке

www.sattor.com

Бад-ӯ пирзан гуфт, к- «Ин мард кист,
Ки аз захми ӯ бар ту бояд гирист?

Писандида ҳуши ту бар дасти ӯст,
Ки на мағз бодаш ба гетӣ,[1] на пӯст».

Чу бишнид Оингушасп ин сухан,
Ба ёд омадаш гуфтугӯи куҳан,

Ки аз гуфти ахтаршиносон шунид,
Ҳаме кард бар хештан нопадид,

Ки «Ҳуши ту бар дасти ҳамсояе,
Яке пурниёзеву[2] бемояе

Барояд ба роҳи дароз-андарун,
Ту зорӣ кунӣ, ӯ бирезад-т хун.[3]

Яке нома бинвишт наздики шоҳ,
Ки инро, ки бардоштам ман зи роҳ,

Набоист кардан зи зиндон раҳо,
Ки ин аст аз баччаи аждаҳо.

Ҳаме ронд[4] шоҳ ин сухан бо раҳӣ,
Раҳиро набуд фарри шоҳаншаҳӣ.

Чу ояд, бифармой, то дарзамон
Бибуррад ба ханҷар сараш бадгумон».

Навишту[5] ниҳод аз бараш мӯҳри хеш,
Чу шуд хушк, ҳамсояро хонд пеш.

Фаровон-ш бистуду бахшид чиз,
Басе барманиш офарин хонд низ.

Бад-ӯ гуфт, к- «Ин нома андар ниҳон,
Бубар зуд наздики шоҳи ҷаҳон.

1. Л – тан бар
2. Л – бониёзеву
3. ТПЗ – Варо ҳадя доду гусӣ кард зуд,
В-аз андешаҳо хобу хӯрдаш набуд.
4. ИЛ–Ҳаме гуфт
5. И –Набишту

www.sattor.com

Чу посух кунад, зуд пеши ман ор,
Нигар, то набошӣ бари шаҳрёр».

Аз ӯ бистад он нома марди ҷавон,
Ба[1] рафтан пурандеша будаш равон.

Ҳаме гуфт: «Зиндону банди гарон
Кашидам басе ночамону чарон.

Раҳонид Яздон аз он сахтиям,
В-аз он гурму тимору бадбахтиям.[2]

Кунун бозгардам сӯи Тайсафун,
Ба ҷӯш ояд андар танам мағзу хун».

Замоне ҳаме буд ба раҳ-бар[3] нажанд,
Пас аз номаи шоҳ букшод банд.

Чу он номаи паҳлавонӣ[4] бихонд,
Зи кори ҷаҳон дар шигифтӣ бимонд,

Ки ин мард аз шоҳ[5] ҷонам бихост,
Ҳаме гуфт ин меҳтариро сазост.

Ба хунам кунун худ шитоб омадаш,
Магар ёди ин бад ба хоб омадаш.

Бубинад кунун роҳи хун рехтан,
Биёсояд[6] аз ранҷу овехтан.

Пурандеша дил ӯ зи раҳ бозгашт,
Чунон шуд,[7] ки бо бод ҳамбоз[8] гашт.

Чу наздики он номвар шуд зи роҳ,
Касеро надид андар он боргоҳ.

1. ИЛ – Зи
2. Л – б. 1845 нест.
3. Л – Ҳаме буд дар раҳ замоне; И – роҳи
4. Л – паҳлавонро
5. Л – марди ҳамсоя
6. Л – Баросояд
7. И –буд
8. И – ҳамсоз

www.sattor.com

Нишаста ба хайма –дар Оингушасп,
На кеҳтар бари ӯ,[1] на шамшеру асп.

Дилаш пур зи андешаи шаҳрёр,
Бад-он[2] то чӣ пеш оварад[3] рӯзгор.

Чу ҳамсоя омад ба хайма-дарун,
Бидонист, к-ӯ даст ёзад ба хун.

Ба шамшер зад даст хунрез мард,
Ҷаҳонҷӯй чанде бад-ӯ лоба кард.

Ҳаме гуфт, к-«Эй марди гумкардароҳ,
На ман хостам рафта ҷонат зи шоҳ?»

Чунин гуфт бо вай, ки «Гар хостӣ,
Чӣ кардам, ки бад кардан оростӣ?![4]

Бизад гардани меҳтари номдор,
Сар омад бар ӯ базму ҳам корзор.

Зи хайма баровард пурхун сараш,
Ки огаҳ набуд з-он сухан лашкараш.

Мабодо, ки танҳо бувад номҷӯй,
Бавижа, ки дорад сӯи ҷанг рӯй.

Чу аз хуни он кушта бадном шуд,
Ҳаме тохт, то пеши Баҳром шуд,

Бад-ӯ гуфт: «Инак сари душманат,
Ки ӯ бад сиголида буд бар танат.

Чу бо лашкар омад ҳаме пеши ту,
Набуд огаҳ аз ройи кам, беши ту».

---

1. И – бо ҳамаш буд,
2. Л – Яке
3. Л–орадаш
4. И–пас аз б. 1859 ин омада:

Чу ояд касеро замона ба танг,
Насозад сипеҳраш замоне диранг.
Ба пеш оварад ҳар бадие, ки ҳаст,
Наёрад кашидан кас аз марг даст.
Кашида бар ӯ теғ ҳамсоя тез,
Надонист бечора роҳи гурез.

www.sattor.com

Бипурсид[1] Баҳром, к- «Ин мард кист,
Бар ин сар ба гетӣ, кӣ хоҳад гирист?!

Чунин гуфт, к- «Оингушаспи савор,
Ки бо ту сиголида буд корзор».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к- «Ин порсо
Бад-он рафта буд аз дари подшо,

Ки бо шоҳ моро диҳад оштӣ,
Ба хоб-андарун сар-ш бардоштӣ.

Ту бодафрае ёбӣ акнун зи ман,
Ки бар ту бигиряд ба зор анҷуман».

Бифармуд доре задан бар дараш,
Назора бар ӯ кишвару лашкараш.

Нагунбахтро зинда бар дор кард,
Дили марди бекор бедор кард.

Саворони Оингушаспи савор,
Ки оварда буд аз дари шаҳрёр,

Чу кори сипаҳбад ба фарҷом шуд,
Зи мардум басе пеши Баҳром шуд.

Гурӯҳе сӯи Хусрав омад зи роҳ,
Тане чанд рафтанд наздики шоҳ.

Чунон шуд, ки аз бешубонӣ рама
Пароканда гардад ба рӯзи дама.

КӮР КАРДАНИ ГУСТАҲМ ВА БИНДУЙ ҲУРМУЗДРО

Чу огоҳӣ омад сӯи шаҳрёр
Зи Оингушасп, он гави номдор,

Аз андуҳ дари бор додан бубаст,
Надидаш касе низ бо май ба даст.

1. И –Бад-ӯ гуфт

www.sattor.com

Баромад аз орому аз хӯрду хоб,
Ҳаме буд бо дидагон пур зи об.

Ба дар-бар сухан рафт чанде зи шоҳ,
Ки парда фурӯ ҳишт аз боргоҳ.

Бимонданд аз он кор гурдон шигифт,
Ҳаме ҳар касе ройи дигар гирифт.[1]

Чу аз Тайсафун баршуд он гуфтугӯй,
Аз он подшоҳӣ бишуд рангу бӯй.

Сари бандагон шуд пур аз дарду кин,
Гузиданд нафрин пас аз[2] офарин.

Сипоҳ андаке шуд ба даргоҳ-бар,
Ҷаҳон танг шуд бар дили шоҳ- бар.

Ба Биндую Густаҳм рафт огаҳӣ,
Ки тира шуд он тахти шоҳаншаҳӣ,

Ҳама бастагон банд бардоштанд,
Якеро бад-он кор бигмоштанд,

Ки ин огаҳӣ бозҷӯяд, ки чист,
Зи ҷанговарон бар дари шоҳ кист?

Зи кори замона чу огаҳ шуданд,
Зи фармон бигаштанду бераҳ шуданд.

Шикастанд зиндону баршуд хурӯш
Бар он сон, ки ҳомун баромад ба ҷӯш.

Ба шаҳр-андарун ҳар кӣ буд лашкаре,
Бимонданд бечора аз ҳар даре.

Ҳаме рафт Биндую Густаҳм пеш,
Зиреҳдору бо лашкару сози хеш.

1. ТПЗ – Яке гуфт: «Баҳром шуд ҷангҷӯй,
Ба тахти бузургӣ ниҳодаст рӯй».
Дигар гуфт: «Хусрав зи озори шоҳ
Ҳаме сӯи Эрон гузорад сипоҳ».

2. И – паси

www.sattor.com

Якояк зи дида бишустанд шарм,
Диловар[1] ба даргоҳ рафтанд гарм,

Ба бозор пеши сипоҳ омаданд,
Саворон[2] ба даргоҳи шоҳ омаданд.

Пас он гаҳ чунин гуфт Густаҳми гурд,
Ба лашкар, ки «Ин хор натвон шумурд,[3]

Ки гар[4] гашт хоҳед бо мо яке,
Маҷӯед озарми шоҳ андаке.

В-агар баст хоҳед як-як миён
Ба кини бузургони эрониён,[5]

Ки Ҳурмузд куштаст абар бегуноҳ,
Абар порсо аз дари тоҷу гоҳ.

Ҳар он кас, ки доред оину роҳ,
Аз ин пас мар ӯро махонед шоҳ.

Ба бодафраи он биёзед даст,
Бар ӯ- бар кунед оби Эрон кабаст.

Шуморо бувем андар ин пешрав,
Нишонем бар гоҳи ӯ шоҳи нав.

В-агар ҳеҷ сустӣ кунед андар-ин,
Шуморо супорем Эронзамин.

Яке гӯшае бас кунем аз ҷаҳон,
Ба як сӯ раҳонем[6] бо ҳамраҳон».

Ба гуфтори Густаҳм яксар сипоҳ
Гирифтанд нафрин бар ороми шоҳ,

Ки «Ҳаргиз мабодо чунин тоҷвар,
Ки ӯ даст ёзад ба хуни писар».

---

1. И – Саворон
2. И – Диловар
3. И – Бигуфтанд, к-«Эй сарварони сипоҳ,
   Якояк суханро биҷӯед роҳ».
4. И – Агар
5. И-б. 1896 нест.
6. И – хиромем

www.sattor.com

Ба гуфтор чун шӯх шуд лашкараш,
Ҳамон гаҳ заданд оташ андар дараш.

Шуданд андар айвони шоҳаншаҳӣ,
Ба наздики он шоҳ бо фарраҳӣ.[1]

Чу тоҷ аз сари шоҳ бардоштанд,
Зи тахташ нагунсор баргоштанд.

Ниҳоданд пас доғ бар чашми шоҳ,
Шуд он гоҳ чун шамъи рахшон сиёҳ.

Варо ҳамчунин зинда бугзоштанд,
Зи ганҷончи буд, пок бардоштанд.

Чунин аст кирдори чархи баланд,
Дил андар сарои сипанҷӣ мабанд.

Гаҳе ганҷ ёбем аз ӯ, гоҳ ранҷ,
Намонӣ ба неку бад андар сипанҷ,

Агар сад бувад сол, агар сад ҳазор,
Гузашт он сухан, к-омад андар шумор.

Касе, к-ӯ харидори некӣ шавад,
Нагӯяд баде, то баде нашнавад.[2]

1. И – б. 1906 нест.
2. Л –б. 1864–1913 нест.

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ ХУСРАВИ ПАРВИЗ

Сию ҳашт сол буд

ОҒОЗИ ДОСТОН

Чу Густаҳму Биндӯй б-Озаргушасп
Барафканд марде сабук бо ду асп,

Ки дар шаб ба наздики Хусрав шавад,
Аз Эрон ба огоҳии нав шавад.

Фиристода омад бари шоҳи нав,
Гузашта шабе тира аз моҳи нав.[1]

Зи ошӯби Бағдод гуфт, он чи дид,
Ҷавон шуд чу барги гули шанбалид.

Чунин гуфт, к-«Он, к-ӯ зи роҳи хирад
Ба тезиву бедонишӣ бугзарад,

Натарсад зи кирдори чархи баланд,
Шавад зиндагониш носудманд.

Гар ин бад, ки гуфтӣ, х(в)аш ояд маро,
Хуру хоб дар оташ ояд маро.

Валекин падар чун ба хун ёхт даст,
Дар Эрон накардам сарои нишаст.

Ҳам ӯро кунун чун яке бандаам,
Сухан ҳар чи гӯяд, нишандаам».

Ҳам андар замон доғдил бо сипоҳ
Ба кирдори оташ биёмад зи роҳ.[2]

Сипоҳӣ буд аз Бардау Ардабил,
Ҳаме рафт бо номвар хел-хел.

Аз Армения низ чанде сипоҳ
Ҳаме тохт чун бод бо ӯ ба роҳ.

---

1. И - б. 3 нест.
2. ТПЗ – Битарсид, к-аз вай расад пештар
Ҷаҳонгир Баҳроми ёзандасар.

www.sattor.com

Чу омад ба Бағдод аз ӯ огаҳӣ,
Ки омад харидори тахти меҳӣ,

Ҳама шаҳр аз огоҳӣ ором ёфт,
Ҷаҳонҷӯй аз оромашон[1] ком ёфт.

Пазира шудандаш бузургони шаҳр,
Касеро, ки аз меҳтарӣ буд баҳр.[2]

Ниҳоданд бар пешгаҳ тахти оҷ,
Ниҳоданд ҳам тавқу[3] пурмоя тоҷ.[4]

Ба шаҳр-андарун рафт Хусрав бадард,
Ба назди падар рафт бо боди сард.[5]

Чӣ гӯям аз ин гунбади тезгард,
Ки ҳаргиз наёсояд аз коркард.

Якеро ҳаме тоҷи шоҳӣ диҳад,
Якеро ба дарё ба моҳӣ диҳад.

Якеро бараҳна сару пову суфт,
На ором хобу на ҷои нуҳуфт.[6]

Якеро диҳад тӯшаи[7] шаҳду шир,
Бипӯшад ба дебову хаззу ҳарир.

Саранҷом ҳар ду ба хок андаранд,
Ба торак ба доми ҳалок андаранд.

Агар худназодӣ хирадманд мард,
Набудӣ варо рӯзи нангу набард.

Надидӣ ҷаҳон аз буна, беҳ будӣ,
Агар кеҳ будӣ мард, агар меҳ будӣ.

---

1. И – рояшон
2. ТПЗ – Зи раҳ сӯи айвони шоҳ омаданд,
   Абар шоҳ-бар достонҳо заданд.
   Зи ҳар гуна гуфтанду Хусрав шунид,
   Ба дил ройи он меҳтарон баргузид.
3. И – Ҳамон тавқи заррину
4. ТПЗ – Ки фарсуда буданд бисёр шоҳ,
   Бидида басе шоҳ бар пешгоҳ.
5. ИМ –б. 17 нест.
6. И- 20 нест.
7. И – нӯшаву

www.sattor.com

Кунун ранҷ дар кори Хусрав барем,
Ба хонанда огоҳии нав барем.

БАР ТАХТ НИШАСТАНИ ХУСРАВ ВА ПӮЗИШИ ПАДАР ХОСТАНИ Ӯ

Чу Хусрав нишаст аз бари тахти зар,
Бирафтанд ҳар кас, ки будаш ҳунар.

Гаронмоягонро ҳама хонданд,
Бар он тоҷи нав гавҳар афшонданд.

Ба мӯбад чунин гуфт, к-«Ин тоҷу тахт
Наёбад магар мардуми некбахт.

Мабодо маро пеша ҷуз ростӣ,
Ки бедодӣ орад ҳаме костӣ.

Або ҳар касе ройи мо бар беҳист,[1]
Зи бедод[2] кардан сари мо тиҳист.

Зи Яздон пазируфтам ин тахти нав,
Ҳаме равшану моявар бахти нав.

Шумо низ дилҳо ба фармон ниҳед,
Ба ҳар кор бо мо се паймон ниҳед.

Аз озурдани мардуми порсо
Ва дигар, кашидан сар аз подшо.

Севум, дур будан зи чизи касон,
Ки дардаш бувад сӯи он кас расон,

Ки дар гоҳу бегаҳ касеро бисӯхт,
Ба бемоя чизе дилаш барфурӯхт.

Кунун даст аз ин шуст бояд ҳаме,
Раҳи ростӣ ҷуст бояд ҳаме.[3]

Дигар ҳар чӣ бо мардуме бархӯрад,
Мар онро пазиранда бошад хирад.

1. И – ростист.
2. И – пайкор
3. И – б. 36 нест.

www.sattor.com

Набошад маро бо касе доварӣ,
Агар тоҷи ман ҷуст, ар[1] ангуштарӣ.

Киро гавҳари тан бувад бо нажод,
Нагӯяд сухан бо касе ҷуз ба дод.

Набошад шуморо ҷуз аз эманӣ,
Наёзам ба кирдори оҳарманӣ».

Ҳар он кас, ки бишнид гуфтори шоҳ,
Ҳаме офарин хонд бар тоҷу гоҳ.

Бирафтанд шодон аз ин тахти ӯй,
Басе офарин рафт бар бахти ӯй.

Сипаҳбад фуруд омад аз тахт шод,
Ҳама шаб зи Ҳурмуз ҳаме кард ёд.

ОМАДАНИ ХУСРАВ ПЕШИ ПАДАР ВА ПӮЗИШ ХОСТАН

Чу пинҳон шуд он чодари обнӯс,
Ба гӯш омад аз дур бонги хурӯс.

Ҷаҳонгир шуд то ба назди падар,
Ниҳонаш пур аз дарду хаста ҷигар.[2]

Чу дидаш, бинолиду бурдаш намоз,
Ҳаме буд пешаш замоне дароз.[3]

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй шоҳи нобахтёр,
Зи Нӯшинравон дар ҷаҳон ёдгор.

Ту донӣ, ки гар будаме пушти ту,
Ба сӯзан нахастӣ кас[4] ангушти ту.

1. И – ҷусту
2. Л – б. 1–44 нест.
3. ТПЗ – Чу рӯи падар дид Хусрав, бадард.
Баровард аз дил яке боди сард.
Бибӯсид чашму сару пои ӯй,
Дилаш пур зи хун буду пуроб рӯй.
4. Л – Як

www.sattor.com

Нигар, то чӣ фармоӣ акнун маро,
Ғам омад туро, дил пур аз хун маро.[1]

Гар эдун, ки фармон диҳӣ, бар дарат
Яке бандаам, посбони сарат.

Наҷӯям кулоҳу нахоҳам сипоҳ,
Бибуррам сари хеш дар пеши шоҳ».

Бад-ӯ гуфт Ҳурмузд, к-«эй камхирад,
Ҳамин рӯзи сахтӣ зи ман бугзарад.

На он кас, ки ин кард, монад дароз,
Ба мо бугзарад, ҳар чӣ ранҷ асту оз.

Маро назди ту орзу буд[2] се чиз,
Бар ин-бар фузунӣ нахоҳем низ.

Яке, он ки шабгир ҳар бомдод
Кунӣ гӯши моро ба овоз шод.

Ва дигар, саворе зи гарданкашон,
Ки аз разми дерина дорад нишон,

Бари ман фиристӣ, ки аз корзор
Сухан гӯяду карда бошад шикор.

Ҳамон низ донанда марди куҳан,
Ки аз подшоҳон гузорад сухан.

Набишта яке дафтар орад маро,
Бад-он дарду сахтӣ сар орад маро.

Севум, орзу он ки холи туанд,
Парастандаву ноҳамоли туанд.

Набинанд аз ин пас ҷаҳонро ба чашм,
Бар эшон биронӣ бар ин сӯг хашм».

Бад-ӯ гуфт Хусрав, ки «Эй шаҳрёр,
Мабод он ки бар чашми ту сӯгвор

1. Л – б. 49 нест.
2. Л – бар

www.sattor.com

Набошад в-агарчи бувад бадниҳон,
Ки бадхоҳи ту дур бод аз ҷаҳон.

Валекин нигаҳ кун ба равшанравон,
Ки Баҳроми Чӯбина шуд паҳлавон.

Сипоҳ аст бо ӯ фузун аз шумор,
Саворону гурдони ханҷаргузор.

Агар мо ба Густаҳм ёзем даст,
Ба гетӣ наёбем ҷои нишаст.

Мадон ту зи Густаҳм, к-ин эзадист,
Зи гуфтору кирдори нобихрадист.

Дигар он ки бошад дабири куҳан,
Ки бар шоҳ хонад гузашта сухан.

Саворе, ки парварда бошад ба разм,
Бидонад ҳамон низ оини базм.

Аз ин ҳар замон нав фиристам яке,
Ту бо дард пажмон[1] мабош андаке.

Дили ту бад-ин дард хурсанд бод,
Ҳамон бо хирад сабру пайванд бод![2]»

Бигуфт ину гирён биёмад зи пеш,
Накард[3] ошкоро ба кас рози хеш.

Писар меҳрубонтар буд аз шаҳрёр,
Бар ин достон зад яке ҳушёр.

Ҷавони забончарбу[4] ширинсухан,
На[5] аз пири настӯҳ гашта куҳан.

1. Л – гирён
2. ТПЗ – Агар доди худ ёбам аз рӯзгор
Зи Густаҳму Биндуи носозгор.
Бихоҳам ҳама кинаи хештан,
Ба хӯрди сагонаш диҳам бекафан,
Ту хуш бош, эй пури Нӯшинравон,
Ки ҷовид бодо равонат ҷавон!
3. ИЛ – Нагуфт
4. Л – Ки ёре ҷавон, чарбу
5. ЛМ –Беҳ

www.sattor.com

Ҳунарманду ҳам мардуми беҳунар
Ба фарҷом ҳам хок дорад ба сар.[1]

ОГОҲ ШУДАНИ БАҲРОМИ ЧӮБИНА АЗ КӮР ШУДАНИ ҲУРМУЗД ВА ЛАШКАР КАШИДАН БА ҶАНГИ ХУСРАВИ ПАРВИЗ

Чу бишнид Баҳром, к-аз рӯзгор
Чӣ омад бар он номвар шаҳрёр,

Ниҳоданд бар чашми равшан-ш доғ,
Бимурд ин чароғи ду наргис ба боғ.

Писар барнишаст аз бари тахти ӯй,
Ба пой андаромад сари[2] бахти ӯй.

Аз он монд Баҳроми ял дар шигифт,
Бипажмурду андеша андаргирифт.[3]

Бифармуд, то кӯс берун баранд,
Дирафши бузургӣ ба ҳомун баранд.

Буна барниҳоду сипаҳ барнишаст,
Ба пайкори Хусрав миёнро бубаст.

Сипоҳе ба кирдори кӯҳи равон
Ҳаме рафт[4] густох то Наҳравон.

Чу огоҳ шуд Хусрав аз кори ӯй,
Ғамӣ гашт аз он тез бозори ӯй.

Фиристод бедор корогаҳон,
Ки то бозҷӯянд кори ҷаҳон.

---

1. ТПЗ – Валекин зи омӯхтан чора нест,
Кӣ гӯяд, ки донову нодон якест?
Ба дониш бувад нек фарҷоми ту,
Ба мину диҳад чарх ороми ту.
Чунон чун танатро хӯриш дастгир,
Зи дониш равонро бувад ногузир.
Ба ҳар кор Яздони пирӯзу пок
Бихону мадор аз каму беш бок.
2. Л –Сару
3. ТПЗ – Бигуфто, ки омад маро гоҳи ҷанг,
Бигирем гетӣ ба мардӣ ба чанг.
4. Л – Ҳаме ронд

www.sattor.com

Ба корогаҳон гуфт: «Роз аз нахуст
Зи лашкар ҳаме кард бояд дуруст,

Ки бо ӯ якеанд лашкар[1] ба ҷанг,
К-аз ӯ[2] гардад ин кори мо бо[3] диранг.

Дигар он ки Баҳром дар қалбгоҳ
Бувад пештар, ё[4] миёни сипоҳ,

Чигуна нишинад ба ҳангоми бор,
Ба рафтан кунад ҳеҷ рои шикор?»

Бирафтанд корогаҳон аз дараш,
Набуд огаҳ аз кори ӯ лашкараш.

Бирафтанду диданду боз омаданд,
Ниҳонӣ бари ӯ[5] фароз омаданд,

Ки лашкар ба ҳар кор бо ӯ якест,
Агар номдоре, агар кӯдакест.

Ҳар он гаҳ ки лашкар биронад ба роҳ,
Бувад як замон дар миёни сипоҳ.

Замоне шавад бар сӯи маймана,
Гаҳе бар чапу гоҳ сӯи буна.

Ҳама мардуми хеш дорад ба роз,
Ба бегонагонаш наёяд ниёз.

Ба кирдори шоҳон нишинад ба бор,
Або юз дар дашт ҷӯяд шикор.

Яке дурбин марди ҷӯёи кор,
Набошад чун ӯ номдору савор.

Ҷуз аз разми шоҳон наронад ҳаме,
Ҳама дафтари «Димна» хонад ҳаме.

1. Л – яксар
2. ИЛ – В-агар
3. ИЛ – кор бо мо
4. И- гар
5. Л– ба наздаш

www.sattor.com

Чунин гуфт Хусрав ба дастури хеш,
Ки «Кори дароз аст моро ба пеш.

Чу Баҳром бар душман асп афканад,
Ба дарё дили аждаҳо бишканад.

Дигар, он ки оини шоҳаншаҳон
Биёмӯхт аз шаҳрёри ҷаҳон.

Севум, ка-ш Калила-ст, гӯӣ вазир
Чун ӯ ройзан кас надорад дабир».

В-аз он пас ба Биндую Густаҳм гуфт,
Ки «Мо бо ғаму ранҷ[1] гаштем ҷуфт.

Чу Гурдую Шопуру чун Андиён,
Сипаҳдори Армения Родмон,

Нишастанд бо шоҳи Эрон ба роз,
Бузургони фарзонаву размсоз.

Чунин гуфт Хусрав бад-он меҳтарон,
Ки «Эй сарфарозону ҷанговарон!

Ҳар он мағз, к-ӯро хирад равшан аст,
Зн дониш ба гирди танаш ҷавшан аст.

Кас онро набуррад, магар теғи марг,
Шавад мум аз он захм пӯлоди тарг.

Кунун ман ба сол аз шумо кеҳтарам,
Ба ройи ҷавонӣ ҷаҳон наспарам.

Бигӯед, то чораи кор чист,
Бар ин хастагиҳо беозор кист?»

Бад-ӯ гуфт мӯбад, к-«Анӯша бадӣ,
Таҳимағзро фарру тӯша бадӣ!

Чу пайдо шуд ин рози гардандадаҳр,
Хирадро бибахшид бар чор баҳр.

1. И –дард

www.sattor.com

Чу ниме аз ӯ баҳраи подшост,
Ки фарру хирад подшоро сазост.

Дигар баҳраи мардуми порсо,
Се дигар парастандаи подшо.

Чу наздик бошад ба шоҳи ҷаҳон,
Хирад хештан з-ӯ надорад ниҳон.

Кунун аз хирад порае монд хурд,
Ки доно варо баҳри деҳқон шумурд.

Хирад нест бо мардуми носипос,
На онро, ки ӯ нест яздоншинос.

Агар бишнавад шаҳрёр ин сухан,
Ки гуфтаст бедормарди куҳан,

Ба чашми дил андар сухан бингарад,
Аз ӯ бар хӯрад, чун ба дил бугзарад».[1]

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Ин сухан гар ба зар
Нависам, ҷуз ин нест оину фар.

Сухан гуфтани мӯбадон гавҳар аст,
Маро дар дил андешаи дигар аст,

Ки чун ин ду лашкар баробар шавад,
Сари найзаҳо бар ду пайкар шавад.

Набошад маро нанг,[2] к-аз қалбгоҳ
Биронам, шавам пеши рӯи сипоҳ.

Бихонам ба овоз Баҳромро,
Сипаҳдори худкоми бадномро.

Яке з-оштӣ рӯй бинмоямаш,
Навозам-ш бисёру бистоямаш.

Агар худ пазирад сухан, беҳ бувад,
Ки чун ӯ ба даргоҳ-бар[3] кеҳ бувад.

1. Л – б. 118 нест.
2. ИЛ – айб
3. Л – даргоҳи ман

www.sattor.com

В-агар ҷанг ҷӯяд, манам ҷангҷӯй,
Сипаҳро ба рӯй андарорем рӯй».

Бузургон бар ӯ офарин хонданд,
Варо шаҳрёри замин хонданд.

Ҳама кордонон бар он достон
Ки ӯ гуфт, гаштанд ҳамдостон.

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки «Эй шаҳрёр,
Зи ту дур бодо бади рӯзгор!

Туро бод пирӯзиву фаррахӣ,
Бузургиву дайҳиму шоҳаншаҳӣ!»

Чунин гуфт Хусрав, ки «Ин боду бас,
Шикасту ҷудоӣ[1] мабинод кас».

Сипаҳро зи Бағдод берун кашид,
Саропардаи нав ба ҳомун кашид.

Ду лашкар чу танг андаромад зи[2] роҳ,
Аз он сӯ сипаҳбад, аз ин сӯй[3] шоҳ.

Чу шамъи ҷаҳон шуд ба хам андарун,
Бияфшонд зулфи[4] шаби тирагун,[5]

Талоя биёмад зи ҳар ду сипоҳ,
Ки дорад зи бадхоҳ[6] лашкар нигоҳ.

Чу аз ханҷари[7] рӯз бугрехт шаб,
Ҳаме тохт тарсондилу[8] хушклаб.

Табира баромад зи ҳар ду сарой,
Бад-он разм хуршед буд раҳнамой.

1. Л – Шикасти худоӣ
2. Л– ба
3. Л – в-аз ин рӯй
4. Л–зулф он
5. Л – қиргун,
6. Л – бад роҳи
7. Л – чанбари.
8. Л – сӯзондилу

www.sattor.com

Ба Густаҳму Биндӯй фармуд шоҳ,
Ки то барниҳоданд аз оҳан кулоҳ.

Чунин бо бузургони равшанравон.
Ҳаме ронд то чашмаи Наҳравон.

Талоя ба Баҳром шуд ногузир,
Ки омад сипаҳ бар ду партоб тир.

Чу бишнид Баҳром, лашкар биронд,
Ҷаҳондидагонро бари хеш хонд.

Нишаст аз бари аблақи мушкдум,
Ҷаҳанда, сарафрози рӯинасум.

Силеҳаш яке ҳиндувӣ теғ буд,
Ки дар захм чун оташи меғ буд.

Чу барқи дурахшон ҳаме ронд асп
Ба дасти чапаш риман Озаргушасп.

Чу Оингушаспу Ялонсина низ
Бирафтанд пуркину дил пурситез.

Се турки диловар зи хоқониён
Бар он кини Баҳром баста миён.

Пазируфта ҳар се, ки чун рӯи шоҳ
Бубинем дур аз миёни сипоҳ.

Агар кушта, гар баста, ӯро барат
Биёрем тозон бари лашкарат.

Зи як рӯй Хусрав, дигар паҳлавон,
Миён-андарун Наҳравони[1] равон.[2]

Назора бар он аз ду рӯя сипоҳ,
Ки то паҳлавон чун равад пеши шоҳ.

1. И – наҳру оби
2. Л – чашмаи Наҳравон.

www.sattor.com

РАСИДАНИ ХУСРАВИ ПАРВИЗ БО БАҲРОМИ ЧӮБИНА БА ҲАМДИГАР

Расиданд Баҳрому Хусрав ба ҳам,
Кушода яке рӯю дигар дижам.

Нишаста ҷаҳондор бар хинги[1] оҷ,
Зи зарру зи ёқут бар сар-ш тоҷ.

Зи дебои зарбафт чиниқабой,
Чу Гурдӯй пеш-андарун[2] раҳнамой.

Чу Биндую Густаҳм бар дасти шоҳ,
Чу Харроди Барзини зарринкулоҳ-

Ҳама ғарқ[3] дар оҳану симу зар,
На ёқут пайдо, на зарринкамар.

Чу Баҳром рӯи шаҳаншоҳ дид,
Шуд аз хашм рангу рухаш нопадид.

В-аз он пас чунин гуфт бо саркашон,
Ки «Ин руспизодаи баднишон

Зи пастиву кундӣ ба мардӣ расид,
Тавонгар шуду гурдагаҳ баркашид.

Падид омадаш мушк бар гирди оҷ,
Фаридуни шаҳ[4] гашт бо гурзу тоҷ.

Биёмӯхт оини шоҳаншаҳон,
Ба зудӣ сар ояд бар ӯ-бар ҷаҳон.

Сипаҳро ба оини Нӯшинравон
Ҳаме ронад ин шоҳи[5] тираравон.

Бубинед лашкар-шро сар ба сар,
Ки то кист з-эшон яке номвар?

---

1. Л – сипаҳдор бар тахти
2. Л – андараш
3. М– ғарқа
4. Л – Фаридуни ял
5. Л – синди

www.sattor.com

Саворон набинам ҳаме размҷӯй,
Ки бо ман ба рӯй андароранд рӯй.

Бубинад кунун кори мардони мард,
Таки аспу шамшеру гарди[1] набард.

Ҳамон захми кӯполу борони тир,
Хурӯши ялону деҳу дору гир.

Надорад бар овардгаҳ пил пой,
Чу ман бо сипоҳ андароям зи ҷой.

Аз овози мо кӯҳ резон шавад,
Ҳизабри диловар гурезон шавад.

Ба ханҷар ба дарё-бар афсун кунам,[2]
Биёбон саросар пур аз[3] хун кунам».[4]

Бигуфту барангехт аблақ зи ҷой,
Ту гуфтӣ, шуд он бора парронҳумой.

Яке танг овардгоҳе гирифт,
Бад-ӯ монда буд лашкар андар шигифт.[5]

Зи овардгаҳ шуд сӯи Наҳравон,
Ҳаме буд бар пеш фаррух ҷавон.

Тане чанд бо ӯ зи эрониён
Ҳама баста бар ҷанги Хусрав миён.

Чунин гуфт Хусрав, ки «Эй саркашон,
Зи Баҳроми Чӯбин кӣ дорад нишон?»

Бад-ӯ гуфт Гардуй, к-Эй шаҳрёр,
Нигаҳ кун бад-он гурди аблақсавор.

Қабояш сапеду ҳамоил сиёҳ,
Ҳаме ронад аблақ миёни сипоҳ.

1. И– гурзи: Л – Ману аспу шамшеру гурзи
2. ИЛ – кунем,
3. ИЛ – Ҳама обҳо сар ба сар
4. ИЛ – кунем.
5. И – б. 170 нест.

www.sattor.com

Ҷаҳондор чун дид Баҳромро,
Бидонисташ оғозу фарҷомро.

Бад-ӯ гуфт, к-«Ин дудранги дароз,
Нишаста бар он аблақи сарфароз?».

Чунин гуфт Гардӯй, к-«Оре, ҳамон
Набурдаст ҳаргиз ба некӣ гумон».

Бад-ӯ гуфт, к-«Аз паҳлави[1] кӯжпушт
Бипурсӣ сухан, посух орад дурушт.

Ҳам он хуқл биниву хобидачашм,
Дил оганда дорад, ту гӯӣ, ба хашм.

Ба дида[2] бубинӣ мар ӯро, бад аст,
Ки ӯ дар ҷаҳон[3] душмани Эзад аст.

Набинам ҳаме дар сараш кеҳтарӣ,
Наёяд касеро[4] ба фармонбарӣ».

В-аз он пас ба Биндую Густаҳм гуфт,
Ки «Букшоям ин достон аз нуҳуфт,

Ки гар хар наёяд ба наздики бор,
Ту бори гарон сӯи пушти хар ор.

Чу бифрефт Чӯбинаро наррадев,
Куҷо бинад ӯ роҳи кайҳонхидев!

Ҳар он дил, ки аз оз шуд дардманд,
Наёяд-ш панди бузургон писанд.[5]

Чу дар ҷанг рафтӣ, ба сар шуд сухун,
Нигаҳ кард бояд зи сар то ба бун.

Кӣ донад, ки дар ҷанг пирӯз кист,
Аз ону аз ин[6] лашкарафрӯз кист.

---

1. Л – к-он бадтани
2. Л – Бидидам
3. Л – ниҳон
4. Л – кас ӯро: И – набояд кас ӯро
5. ТПИЛМ – Ҷуз аз ҷанг Чӯбинаро рой нест,
   Ба дил-ш-андарун додро ҷой нест.
6. Л – Дилафрӯзу

www.sattor.com

Бад-ин гуна ороста лашкаре,
Чу Баҳром пархошҷӯ меҳтаре.

Дижогоҳ марде чу деви сутург,
Сипоҳе ба кирдори ғурранда[1] гург.

Гар эдун, ки бошед ҳамдостон,
Набошад маро нанг аз ин достон.

Ба пурсиш яке пешдастӣ кунам,
Аз он беҳ, ки дар ҷанг сустӣ кунам.

Агар з-ӯ бар андоза ёбам сухан,
Навоин бадиҳош гардад кухан.

Зи гетӣ яке гӯша ӯро диҳам,
Сипосе ба додан бар ӯ[2] барниҳам.

Ҳама оштӣ гардад ин ҷанги мо
Бад-ин размгаҳ кардан оҳанги мо.

Маро з-оштӣ судмандӣ бувад,
Хирад бегумон бегазандӣ бувад.

Чу бозоргонӣ кунад подшо,
Аз ӯ шод гардад дили порсо».

Бад-ӯ гуфт, Густаҳм, к-«Эй шаҳрёр,
Анӯша бадӣ, то бувад рӯзгор!

Ҳаме гавҳар афшонӣ андар сухун,
Ту донотарӣ, ҳар чӣ хоҳӣ, бикун.

Ту пурдодиву[3] банда[4] бедодгар,
Ту пурмағзу ӯро пур аз бод сар».

Чу бишнид Хусрав, бипаймуд роҳ,
Хиромон биёмад ба пеши сипоҳ.

1. Л–арғунда
2. И – зи додан ба худ
3. И-бар додиву
4. Л – бар додиву хасм

www.sattor.com

Бипурсид Баҳроми Ялро зи дур,
Ҳаме ҷуст ҳангомаи разм сур.

Ба Баҳром гуфт: «Эй сарфароз мард,
Чӣ гуна-ст корат ба дашти набард?

Ту даргоҳро ҳамчу пироянӣ,
Ҳамон тахту дайҳимро моянӣ.

Сутуни сипоҳӣ ба ҳангоми разм,
Чу шамъи дурафшон бувӣ рӯзи[1] базм.

Ҷаҳонҷӯй гурдиву яздонпараст,
Мадород доранда боз аз ту даст.[2]

Сиголидаам рӯзгори туро,
Ба хубӣ бисечида кори туро.

Туро бо сипоҳи ту меҳмон кунам,
Зи дидори ту ромиши ҷон кунам.

Сипаҳдори Эрон-т хонам ба дод,
Кунам офаринандаро бар ту ёд».

Суханҳош бишнид Баҳроми гурд,
Инон аблақи мушкдумро супурд.

Ҳам аз пушти он бора бурдаш намоз,
Ҳаме буд пешаш замоне дароз.

Чунин дод посух пас[3] аблақсавор,
Ки «Ман хуррамам шоду беҳрӯзгор.[4]

Туро рӯзгори бузургӣ мабод,
На бедод донӣ зи шоҳӣ, на дод.

Алоншоҳ чун шаҳрёрӣ кунад?
Варо марди бадбахт ёрӣ кунад.

1. Л – ба нозанда: И – дурахшон туӣ рӯзи
2. И – б. 206 нест.
3. Л – гуфт Баҳроми
4. И – Чунин гуфт, к-эй носазо шоҳ

www.sattor.com

Туро рӯзгоре сиголидаам,
Ба наввӣ камандет молидаам.[1]

Ба зудӣ яке дор созам баланд,
Ду дастат бубандам ба хамми каманд.

Биёвезамат з-он сазовор[2] дор,
Бубинӣ зи ман талхии рӯзгор».

Чу Хусрав зи Баҳром посух шунид,
Рухаш гашт ҳамчун гули шанбалид.

Бидонист, к-ӯ дил зи тахту кулоҳ
Ҳаме нагсилонад ба оини шоҳ.

Чунин дод посух, ки «Эй носипос,
Нагӯяд чунин марди яздоншинос.

Чу меҳмон ба хони ту ояд зи дур,
Ту дашном созӣ ба ҳангоми сур.[3]

На оини шоҳон бувад з-ин нишон,
На они саворони гарданкашон.

На тозӣ чунин карду на порсӣ,
Агар бишмарӣ сол сад бор сӣ.

Аз ин нанг дорад хирадманд мард,
Ту гирди дари носипосӣ магард.

Чу меҳмонат овози фаррух диҳад,
Бар ин гуна - бар дев посух диҳад.

Битарсам, ки рӯзи бад омад-т пеш,
Ки саргашта ронӣ ҳаме ройи хеш.

Туро чора бар дасти он подшост,
Ки зиндаст ҷовиду фармонравост.

---

1. Ба афсун ба шоҳӣ наёбӣ ту роҳ.
2. Л – сарафроз
3. ТПМ – Ту меҳмони худро ба дор афканӣ,
   Аз ин сон ту бунёди кор афканӣ.

www.sattor.com

Гунаҳкори яздониву носипос,
Тан андар накӯҳиш, дил андар ҳарос.

Маро чун Алоншоҳ хонӣ ҳаме,
Зи гавҳар ба як сӯ нишонӣ ҳаме.

Магар носазоям ба шоҳаншаҳӣ,
На зебост бар ман кулоҳи меҳӣ?

Чу Кисро ниёву чу Ҳурмуз падар,
Киро донӣ аз ман сазовортар?»

Варо гуфт Баҳром, к-«Эй баднишон,
Ба гуфтору кирдор чун беҳушон,

Нахустин зи меҳмон кушодӣ сухан,
Сириштат наву достонҳо куҳан.

Туро бо суханҳои шоҳон чӣ кор,
На фарзонамардӣ, на ҷангисавор!

Алоншоҳ будӣ, кунун кеҳтарӣ,
Ҳам аз бандаи бандагон камтарӣ.

Гунаҳгори бебар туӣ дар ҷаҳон,
На шоҳӣ, на зебосарӣ аз меҳон.

Ба шоҳӣ маро хонданд офарин,
Намонам, ки пай барниҳӣ бар замин.

Дигар он ки гуфтам, ки бадахтарӣ,
Назебад туро шоҳиву меҳтарӣ,

Аз он гуфтам, эй носазовор шоҳ,
Ки ҳаргиз мабодӣ ту дар пешгоҳ!

Ки эрониён бар ту-бар душмананд,
Бикӯшанду бехат зи бун баркананд.

Бидарранд бар танг-бар пӯсту раг,
Супоранд гӯштат ба юзу[1] ба саг!»

1. Л – гӯшту пайи ту: И –он устухонат

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт Хусрав, ки «Эй бадкуниш,
Чаро гаштаӣ тунду бартарманиш,

Ки оҳуст бар мард гуфтори зишт,
Туро андар[1] оғоз буд ин сиришт.

Зи мағзи ту бугсаст равшан хирад,
Хунук номвар, к-ӯ хирад парварад.

Ҳар он дев, к-ояд замонаш фароз,
Забонаш ба гуфтор гардад дароз.

Нахоҳам, ки чун ту яке паҳлавон,
Ба тезӣ табаҳ гардаду нотавон.

Сазад, гар зи дил хашм берун кунӣ,
Наҷӯшиву бар тезӣ афсун кунӣ.

Зи дорандаи додгар ёд кун,
Хирадро бад-ин ёд бунёд кун.

Яке кӯҳ дорӣ ба пеш-андарун,
Ки гар бингарӣ, бартар аз Бесутун.

Гар аз ту яке шаҳрёр омадӣ,
Муғилони бебар ба бор омадӣ.

Туро дил пур[2] андешаи меҳтарист,
Бубинем, то ройи[3] Яздон ба чист.

Надонам, кӣ-т омӯхт ин бадтанӣ[4]
Туро бо чунин кеши оҳарманӣ.[5]

Ҳар он, к-ин сухан бо ту гӯяд ҳаме,
Ба гуфтор марги ту ҷӯяд ҳаме».

Бигуфту фуруд омад аз хинги оҷ,
Зи сар баргирифт он баҳогир тоҷ.

1. Л – худ зи
2. И – ба
3. Л – хостӣ
4. Л – Кӣ омӯхт ин пурфанӣ,
5. Л – то чунин гаштӣ ахриманӣ.

www.sattor.com

Бинолиду сар сӯи хуршед кард,
Зи Яздон дилаш пур зи уммед кард.

Чунин гуфт, к-«Эй равшани додгар,
Дарахти умед аз ту ояд ба бар.

Ту донӣ, ба пеши ман ин банда кист,
К-аз ин нанг бар тоҷ бояд гирист.

Гар ин подшоҳӣ зи тухми каён
Бихоҳад шудан, то набандам миён.

Парастанда бошам ба оташкада,
Нахоҳам хӯриш ҷуз зи ширу тара.[1]

Надорам ба ганҷ-андарун зарру сим,
Ба гоҳи парастиш бипӯшам гилем.

В-ар эдун, ки ин подшоҳӣ маро ст,
Парастанда бошем бо доду рост,

Ту пирӯз гардон сипоҳи маро,
Ба банда мадеҳ тоҷу гоҳи маро.

Агар коми дил ёбам, ин тоҷу асп
Биёрам давон пеши Озаргушасп.

Ҳам ин ёраву тавқу ин гӯшвор,
Ҳам ин ҷомаи зарру[2] гавҳарнигор,

Ҳамон низ даҳ бадра динори зард
Фишонам бар ин гунбадн ложвард.

Парастандагонро дирам сад ҳазор
Фиристам, чу баргардам аз корзор.

Зи баҳромиён ҳар кӣ гардад асир,
Ба пеши ман орад касаш дастгир,

Парастандаи фаррух оташ кунам,
Дили мӯбаду ҳирбад х(в)аш кунам.

1. Л – ба ширу дада.
2. И –зарри

www.sattor.com

Зи бедод шаҳре, ки вайрон шудаст,
Гузаргоҳи гӯрону шерон шудаст-

Бикӯшам, ки обод гардад зи нав,
Намонам, ки монад пур аз хору хав».[1]

Бигуфт ину аз хок бар пой хост,
Ситамдида гӯяндае буд рост.

Зи ҷои ниёиш биёмад чу гард,
Ба Баҳроми Чӯбина овоз кард,

Ки «Эй дӯзахӣ, бандаи деви нар,[2]
Хирад дуру дур аз ту оину фар!

Ситамгора девест бохашму зӯр,
К-аз ин гуна чашми туро кард кӯр.

Ба ҷои хирад хашму кин ёфтӣ,
Зи девон ҳаме офарин ёфтӣ.

Туро хорсон шорсоне намуд,
Яке дӯзахе бӯстоне намуд.

Чароғи хирад пеши чашмат бимурд,
Зи ҷону дилат равшаноӣ бибурд.

Набудаст ҷуз ҷодуи пурфиреб,
Ки андар баландӣ намудат нишеб.

Ба шохе ҳаме ёзӣ имрӯз даст,
Ки баргаш бувад заҳру бораш кабаст.

Наҷустаст ҳаргиз табори ту ин,
Набошад ба ҷӯянда-бар офарин.

Туро Эзад ин бурзу оин[3] надод,
Надорӣ зи Гургини Милод ёд,

1. И – б. 269, 270 нест:
ТПЛ – Бар он низ динор чун сад ҳазор
Фиристам, чу баргардам аз корзор.
2. И – девсар,
3. Л –фарру

www.sattor.com

Ки харчангро нест парри уқоб,
Напаррад уқоб аз бари офтоб.[1]

Аё, марди бадбахту бедодгар,
Ба нобуданӣ-бар гумоне мабар!

Ба Яздони поку ба тахту кулоҳ,
Ки гар ман биёбам туро бесипоҳ,

Агар барзанам бар ту-бар боди сард,
Надидӣ маро зинда андар набард.

Суханҳо шунидем чанде дурушт,
Ба пирӯзгар бозҳиштем пушт.

Агар ман сазовори шоҳӣ наям,
Мабодо, ки дар зердастӣ зиям».

Чунин дод Баҳром посух-ш боз,
Ки «Эй бехирад римани девсоз!

Падар-т, ин ҷаҳондори[2] диндӯст мард,
Ки ҳаргиз назад бар касе боди сард.

Чунин мардро арҷ нашнохтӣ,
Ба хорӣ зи тахт андарандохтӣ.

Паси ӯ ҷаҳондор хоҳӣ будан,
Хирадманду бедор хоҳӣ будан?

Ту нопокиву душмани Эзадӣ,
Набинӣ зи некидиҳиш ҷуз бадӣ.

Гар эдун ки Ҳурмуз на бар дод буд,
Замину замон з-ӯ ба фарёд буд.

Ту фарзанди ӯӣ, набошӣ сазо
Бар Эрону Нерон[3] шуда подшо.

Туро зиндагонӣ набояд, на тахт,
Яке дахмае бас, ки дурӣ зи бахт.

1. ИЛ –б. 282 нест.
2. И – ҷаҳонгири
3. З – Турон

www.sattor.com

Ҳамон кини Ҳурмуз кунам хостор,
Агар к-андар Эрон манам шаҳрёр.

Кунун тоза кун бар ман ин достон,
Ки аз ростон кист хамдостон,

Ки ту доғ бар чашми шоҳон ниҳӣ,
Касе к-ӯ ниҳад, низ фармон диҳӣ.

Аз он пас биёбӣ, ки шоҳӣ мarост,
Зи хуршед то пушти моҳӣ мarост».

Бад-ӯ гуфт Хусрав, ки «Ҳаргиз мабод,
Ки бошад ба дарди падар банда шод.

Набишта чунин буду буд, ончи буд,
Сухан бар сухан чанд хоҳӣ фузуд?!

Ту шоҳе ҳамесозӣ аз хештан,
Ки гар маргат ояд, наёбӣ кафан.

Бар ин аспу баргустувони касон,
Яке хусравӣ б-орзу норасон.

На хону на мону на буму нажод,
Яке шаҳрёрӣ, миён пур зи бод.

Бад-ин лашкару[1] чизу номи дурӯғ
Нагирӣ бари тахти шоҳӣ фурӯғ.

Зи ту пеш буданд кундоварон,
Ҷаҳонҷӯй бо гурзҳои гарон.

Наҷустанд шоҳӣ, чу кеҳтар буданд,
На андархури тахту афсар буданд.

Ҳаме ҳар замон сар фарозӣ[2] ба хашм,
Ҳаме оби шармат биёяд[3] ба чашм.

1. Л – хоста,
2. ИЛ – барфарозӣ
3. ИЛ – шарму обат наёяд

www.sattor.com

Замона ба хашм орадат ҳар замон,
Бичӯшад ҳаме бар бадат бад гумон.[1]

Ҷаҳондор шоҳӣ зи дод офарид,
Агар аз ҳунар в-аз нажод офарид.

Бад-он кас диҳад, к-ӯ сазовортар,
Хираддортар, ҳам беозортар.

Алоншоҳ моро падар карда буд,
Ки бар мо[2] зи доми[3] ту озурда буд.

Кунун Эзадам дод шоҳаншаҳӣ,
Бузургиву тахту кулоҳи меҳӣ.

Пазируфтам ин аз Худои ҷаҳон,
Шиносандаи ошкору ниҳон.

Ба дастурии Ҳурмузи шаҳрёр,
Ки ӯ дошт тоҷ аз падар ёдгор.

Аз он[4] мӯбадонмӯбаду бихрадон,
Бузургону корозмуда радон.

Бад-он дин, ки оварда буд аз биҳишт
Хирадёфта пирсар Зардуҳишт,

Ки[5] пайғоми Эзад ба Лӯҳросп дод,
Пазируфту[6] з-он пас ба Гуштосп дод.

Ҳар он кас, ки моро намудаст ранҷ,
Дигар он, ки з-ӯ ёфтастем ганҷ.

Ҳама яксар андар паноҳи мананд,
Агар душман, ар некхоҳи мананд.[7]

---

1. Л–кажҷӣ андар гумон.
2. И – мон
3. Л – аз дому банди
4. Л –Ҳам аз
5. Л – Чу
6. Л – Бипазруфту
7. ТПЛИМ – Ҳама барзану зода бар подшо,
Нахонем касро магар порсо.

www.sattor.com

Зи шаҳре, ки вайрон шуд андар ҷаҳон,
Ба ҷое, ки дарвеш бошад ниҳон

Тавонгар кунам марди дарвешро,
Парокандаву мардуми хешро.

Ҳама хорсонҳо кунам чун биҳишт
Пур аз мардуму чорпоёну кишт.[1]

Намонем як хубӣ андар ниҳон
Ба подош то[2] з-ин ҷаҳони ҷаҳон.

Биёему[3] дилро тарозу кунем,
Бисанҷему неру ба бозу кунем.

Чу Ҳурмуз ҷаҳондори бодод буд,
Замину замона бад-ӯ шод буд.

Писар бегумон аз падар тахт ёфт,
Кулоҳу камар ёфту бахт ёфт.

Туӣ пургуноҳу фиребандамард,
Ки ҷустӣ зи Ҳурмуз нахустин набард!

Набуд ҳеҷ бад, ҷуз ба фармони ту
В-агар тунбалу макру дастони ту.

Гар Эзад бихоҳад, ман аз кини шоҳ
Кунам бар ту хуршеди равшан сиёҳ.

Кунун тоҷро дархури кор кист,
Чу ман носазоям, сазовор кист?»

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Эй марди гурд,
Сазо он бувад, к-аз ту шоҳӣ бибурд.

Чу аз духти Бобак бизод Ардашер,
На ашкониёнро буд он дору гир?

1. Л – чорпову куништ.
2. И – мо
3. ИЛ – Биёбем,

www.sattor.com

На чун Ардашер Ардавонро бикушт,
Ба неру шуду тахташ андар[1] ба мушт?

Кунун сол чун понсад андаргузашт,[2]
Сару тоҷи сосониён сард гашт.

Кунун тахту дайҳимро рӯзи мост,
Сару кор бо бахти пирӯзи мост.

Чу бинем чеҳри туву бахти[3] ту,
Сипоҳу кулоҳи туву тахти[4] ту.

Биёзам бад-ин кор сосониён,
Чу ошуфта шере, ки гардад жиён.

Зи дафтар ҳама номашон бистурам,
Сари тахти Сосон ба пай биспарам.

Бузургӣ мар ашкониёнро сазост,
Агар бишнавӣ, марди донанда рост».

Чунин посух овард Хусрав бад-ӯй,
Ки «Эй беҳуда марди пайкорҷӯй!

Агар подшоҳӣ зи тухми каён
Бихоҳад шудан, ту киӣ з-ин миён?

Ҳама розиён аз буна худ кианд,
Дурӯянду аз мардумӣ бар чианд?[5]

Ҳамон[6] аз Рай омад сипоҳ андаке,
Ки шуд бо сипоҳи Сикандар яке.

Миёнҳо бубастанд бо румиён,
Гирифтанд ногоҳ тахти каён.[7]

1. ИЛ – омад
2. Л – баргузашт: И – панҷсад баргузашт,
3. Л – тохти
4. Л – рахти
5. ТПИЛ – Зи Рай буд нопокдил Моҳёр,
К-аз ӯ тира шуд тухми Исфандёр.
6. ИЛ – Нахуст
7. ТПИЛМ–Пас аз б. 345 ин б. омада:
Зи Рай буд нопокдил Моҳёр,
К-аз ӯ тира шуд тухми Исфандёр.

www.sattor.com

Наёмад ҷаҳонофаринро писанд,
Аз эшон бад-эшон расид он газанд.[1]

Кулоҳи кайӣ бар сари Ардашер,
Ниҳод он замон довари дастгир.

Ба тоҷи каён ӯ сазовор буд,
Ки аз тухми шоҳи ҷаҳондор буд.

Кунун номи он номдорон гузашт,
Сухан гуфтани мо ҳама бод гашт.[2]

Кунун меҳтариро сазовор кист?
Ҷаҳони ҷаҳонро ҷаҳондор кист?[3]»

Бад-ӯ гуфт Баҳром: «Ҷангӣ манам,
Ки бехи каёнро зи бун барканам!»

Чунин гуфт Хусрав, ки «Он достон,
Ки донанда ёд орад аз бостон,

Ки ҳаргиз ба нодону бероҳу хурд
Силеҳи бузургӣ набояд супурд,

Ки чун бозхоҳӣ,[4] наёяд ба даст,
Ки доранда аз чиз гаштаст маст.[5]

Чӣ гуфт ин[6] хирадманди ширинсухун,
Ки гар бебунонро нишонӣ ба бун,

---

1. ТПИЛ – В-аз он пас бубастанд* эрониён
Ба кина якояк магар - бар** миён.
* ИЛ – нишастанд. ** ИЛ – Бубастанд яксар бадиро
2. ТПЗ – Чу Яздон мар ӯро ба шоҳӣ гузид,
Аз ӯ додгар ҷуз накӯӣ надид.
3. ТПЗ – Ба ҷуз ростӣ посухи ман магӯй,
Ту роҳи накӯ гиру кажжӣ маҷӯй.
Чу бишнид Баҳром чунон сухун,
Яке посухи дигар афканд бун.
4. Л – Кунун бозхоҳад
5. ТПЗ – Чу аз ту ситонад, таносон шавад,
В-агар бозхоҳӣ, ҳаросон шавад.
6. ИЛ – он

www.sattor.com

Ба фарҷои кор оядат ранҷу дард,[1]
Ба гирди дари носипосон магард.[2]

Падар-м, он бадандешаи зудсоз,[3]
Ниҳон з-ошкорат[4] надонист боз,[5]

Ки марди бузургаш басе буду хурд,
Силеҳи каён бебунонро супурд.

Туро кард солори гарданкашон,
Шудӣ меҳтар андар замини Кашон.[6]

Диловар шудӣ тезу бартарманиш,
Зи бадгавҳар омад туро бадкуниш.

Бад-он тахти симину он меҳри шоҳ
Сарат маст шуд, бозгаштӣ зи роҳ.

Кунун номи Чӯбина Баҳром гашт,
Ҳамон тахти симин туро дом гашт.

Бар он тахт-бар моҳ[7] хоҳӣ шудан,
Сипаҳбад шудӣ, шоҳ хоҳӣ шудан?

Сухан з-ин нишон марди доно нагуфт,
Бар онам, ки бо дев гаштӣ ту ҷуфт».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Эй бадкуниш,
Назебад ҳаме бар ту ҷуз сарзаниш.

Ту паймони Яздон надорӣ нигоҳ,
Ҳаме носазо ҷӯӣ ин пешгоҳ.

Ниҳӣ доғ бар чашми шоҳи ҷаҳон,
Сухан з-ин нишон кай бувад дар ниҳон?!

Ҳама дӯстон бар ту-бар душмананд,
Ба гуфтор бо ту, ба дил бо мананд.

1. И – дарду ранҷ,
2. И–маранҷ.
3. Л – беандешаи дерсоз.
4. Л – ошкоро
5. Л – роз.
6. И-б. 357–359 нест.
7. Л –тахти пурмоя

www.sattor.com

Бад-ин кор хоқон маро ёвар аст,
Ҳамон, к-андар Эрону Чин лашкар аст,

Ки бо доду меҳрему бо теғу даст,
Зи душман наёяд ба мо-бар шикаст.

Бузургӣ[1] ман аз Порс орам ба Рай,
Намонам к-аз ин пас бувад номи Кай.

Барафрозам андар ҷаҳон додро,
Кунам тоза оини Милодро.

Ман аз тухмаи номвар Орашам,
Чу ҷанг оварам, оташи саркашам.

Набери ҷаҳонҷӯй Гургин манам,
Ҳамон оташи тези Барзин манам.

Ба Эрон бар он рой буд Совашоҳ,
Ки на тахт монад, на мӯҳру кулоҳ.

Кунад бо замин рост оташкада,
На Наврӯз монад, на ҷашни Сада.

Ҳама банда буданд эрониён,
Бар ин бум, то ман бубастам миён.[2]

Ту худкомаро гар надонӣ шумор,
Бирав, чорсад бор бишмар ҳазор.

Зи пилони ҷангӣ ҳазору дувист,
Ки гуфтӣ, ки бар роҳ[3]-бар ҷой нест.

Ҳазимат гирифт он сипоҳи бузург,
Ман аз пас хурӯшон чу шери сутург.

Чунон дон, ки кас беҳунар дар ҷаҳон
Ба хира наҷӯяд нишасти меҳон.

---

1. И –Бузургон
2. ТП – Ба тире, ки ман рондам аз камон,
   Сар омад аз он Совашаҳро замон.
3. Л – гуфтанд бар хок

www.sattor.com

Ҳаме бӯи тоҷ ояд аз миғфарам,
Ҳаме тахти оҷ ояд аз ханҷарам.

Агар бо ту як пашша кин оварад,
Зи тахтат ба рӯи замин оварад».

Бад-ӯ гуфт Хусрав, ки «Эй шумпай,
Чаро ёди Гургин накардӣ ба Рай?!

Ки андар ҷаҳон ёди тахташ набуд,
Бузургиву аврангу бахташ набуд.

Надонист кас номи ту дар ҷаҳон,
Фурӯмоя будӣ ту андар ниҳон.

Биёмад гаронмоя Меҳронситод,
Ба шоҳи замона нишони ту дод.

Зи хоки сиёҳат чунон баркашид,
Шуд он рӯз бар чашми ту нопадид.

Туро дод ганҷу силеҳу сипоҳ,
Дирафши Таҳамтан дурафшон чу моҳ.

Набуд хости Яздон, ки Эронзамин
Ба вайронӣ оранд гурдони Чин.

Туро буд дар ҷангашон ёрманд,
Кулоҳат баромад ба абри баланд.

Чу дорандаи чархи гардон бихост,
Ки он подшоро бувад кор рост.

Ҳунар з-он ҳаме хештанро ниҳӣ,
Ки ҳаргиз мабодат меҳиву беҳӣ.

Гар ин подшоҳӣ зи тухми каён
Бихоҳад шудан, ту чӣ бандӣ миён?

Чу Искандаре бояд андар ҷаҳон,
Ки тира кунад бахти шоҳаншаҳон.

Ту бо чеҳраи деву бо ранги хок
Мабодӣ ба гетӣ ҷуз андар мағок.

www.sattor.com

Зи бероҳиву коркарди ту буд,
Ки шуд рӯз бар шоҳи Эрон кабуд.

Набиштӣ ҳаме номи ман бар дирам,
Зи гетӣ маро хостӣ кард кам.

Бадиро ту андар ҷаҳон мояӣ,
Ҳам аз бераҳон бартарин пояӣ.

Ҳар он хун, ки шуд дар ҷаҳон рехта,
Ту бошӣ бад-он яксар овехта.

Наёбӣ шаби тира онро ба хоб,
Ки ҷӯӣ ҳама рӯз дар офтоб.

Аё, марди бадбахти бедодгар,
Ҳама рӯзгорат ба каҷжӣ мабар![1]

Зи хушнудии Эзад андеша кун,
Хирадмандиву ростӣ пеша кун,

Ки ин бар ману ту ҳаме бугзарад,
Замона дами мо ҳаме бишмарад.

Ки гӯяд, ки каҷжӣ беҳ аз ростӣ,
Чаро дил ба каҷжӣ биёростӣ?!

Чу фармон кунӣ, ҳар чӣ хоҳӣ, турост,
Яке баҳра з-ин подшоҳӣ турост.

Бад-ин гетӣ-андар бувӣ[2] шодмон,
Таносону дур аз бади бадгумон.

В-агар бугзарӣ з-ин сарои сипанҷ,
Гаҳи бозгаштан набошӣ баранҷ.

Нашояд, к-аз ин кам кунам ар фузун,
Ки Зардушт гӯяд ба Занд-андарун,

Ки ҳар кас, ки баргардад аз дини пок,
Зи Яздон надорад ба дил тарсу бок.

1. ТПЗ – Макун хира бар хештан-бар ситам,
Ки он гоҳ монӣ ба бедоду ғам.

2. И –бизӣ

www.sattor.com

Ба соле[1] ҳаме боядаш дод панд,
Чу пандат набошад варо судманд,

Бибояд-ш куштан ба фармони шоҳ,
Фикандан тани пургуноҳаш ба роҳ.

Чу бар шоҳи гетӣ бувад[2] бадгумон,
Бибояд-ш куштан ҳам андар замон.

Бирезанд ҳам бегумон хуни ту,
Ҳамин ҷӯяд ин бахти воруни ту.

Кунун зиндагонит нох(в)аш бувад,
В-агар бугзарӣ, ҷоят оташ бувад.

В-агар дер монӣ бар ин ҳам нишон,
Сар аз шоҳу аз доди Яздон кашон,

Пушаймонӣ ояд-т з-ин кори хеш,
Зи гуфтори нохубу кирдори хеш.

Ту бемориву панд доруи туст,
Бикӯшам ҳаме, то шавӣ тандуруст.

В-агар чира шуд бар дилат кому рашк,
Сухан гӯй, то дигар орам пизашк.

Пизишки ту панд асту дору хирад,
Магар ози тоҷ аз дилат бистурад.

Ба пирӯзӣ-андар чунин к-аш шудӣ,
Зи андешаи ганҷ саркаш шудӣ.

Шунидӣ, ки Заҳҳок шуд носипос,
Зи деву зи ҷоду ҷаҳон пурҳарос.

Чу з-ӯ шуд дили меҳтарон пур зи дард,
Фаридуни фархунда бо ӯ чӣ кард?!

Сипоҳат ҳама бандагони мананд,
Ба дил зиндаву мурда они мананд.

1. Л –Паёпай
2. ИЛ –шавад

www.sattor.com

Зи ту лахтаке равшанӣ ёфтанд,
Бад-ин сон сар аз дод бартофтанд.

Чу ман ганҷи хеш ошкоро кунам,
Дили ҷангиён пурмадоро кунам.[1]

Чу пирӯз гаштӣ ту бар Совашоҳ,
Бар он барниҳоданд яксар сипоҳ,

Ки ҳаргиз набинанд аз он пас шикаст,
Чу аз хоста сер гаштанду маст.

Набояд, ки бар дасти ман-бар ҳалок
Шаванд ин далерони бетарсу бок.

Нахоҳам, ки ҷангӣ сипоҳи гарон,
Ҳама номдорону кундоварон

Шавад, то шавад буми Эрон[2] тиҳӣ,
Шикаст андарояд ба тахти меҳӣ.

Кӣ буд шоҳ ҳангоми Ораш, бигӯй,
Сар ояд магар бар ман ин ҷустуҷӯй?»

Чунин гуфт Баҳром, к-«Он гоҳ шоҳ
Манучеҳр буд бо сипоҳу кулоҳ».

Бад-ӯ гуфт Хусрав, ки «Эй бадниҳон,
Чу донӣ, ки ӯ буд шоҳи ҷаҳон.

Надонӣ, ки Ораш варо банда буд,
Ба фармону рояш сар афканда буд?

Дигар ҳамчу Кайхусрави кинаҷӯй,
Ки чун Рустаме буд шогирди ӯй,

Тавонист Рустам ҷаҳонро гирифт,
Ҳам оини тахти каёнро гирифт.

1. ТПЗ – Намонад яке з-он сипаҳ бо ту низ,
Ки на ном дорӣ, на фарру на чиз.
2. ИЛ – Шавад буми Эрон аз эшон

www.sattor.com

Ҳам оини шоҳон нигаҳ доштӣ,
Яке чашм бар тахт нагмоштӣ».[1]

Бад-у гуфт Баҳром, к-«Аз роҳи дод
Ту аз тухми Сосонӣ, эй баднажод,

Ки Сосон шубону шубонзода буд,
На Бобак шубонӣ бад-ӯ дода буд?»

Бад-ӯ гуфт Хусрав, ки «Эй бадкуниш,
На аз тухми Сосон шудӣ пурманиш?

Дурӯғ аст гуфтори ту сарбасар,
Сухан гуфтани каж набошад ҳунар.

Ту аз бебунон будиву бадкунон,
На аз тухми Сосон расидӣ ба нон?»

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Андар ҷаҳон
Шубонии Сосон нагардад ниҳон».

Варо гуфт Хусрав: «Чу Доро бимурд,
На тоҷи бузургӣ ба Сосон супурд?!

Агар бахт гум шуд, куҷо шуд нажод,
Наёяд зи гуфтори бедод дод.

Бад-ин ҳушу ин рою ин фарраҳӣ
Биҷӯӣ ҳаме тахти шоҳаншаҳӣ?»

БОЗГАШТАНИ БАҲРОМУ ХУСРАВ ВА ПАНД ДОДАНИ ГУРДИЯ БАҲРОМРО ВА СИГОЛИШ КАРДАНИ ХУСРАВ БО ЭРОНИЁН

Бигуфту бихандиду баргашт аз ӯй,
Сӯи лашкари хеш бинҳод рӯй.

Зи хоқониён он се турки сутург,
Ки арғунда буданд бар сони гург,

1. ТПЗ – Чаро пас ту моро наҷӯӣ ҳаме,
Ба шоҳӣ зи Хусрав нагӯӣ ҳаме?
Ту чун Аҳриман девӣ, эй хокрӯй,
Кунад тоҷу тахти шаҳон-т орзуй.

www.sattor.com

Кучо гуфта буданд Баҳромро,
Ки мо рӯзи чанг аз пайи номро,

Агар мурда, гар зинда, болои шоҳ
Ба назди ту орем пеши сипоҳ.

Аз эшон саворе, ки нопок буд,
Диловар буду тунду бебок буд,

Ҳаме ронд пархошҷӯю дижам,
Каманде ба бозу-дарун шаст хам.

Чу наздиктар гашт бо хинги оҷ,
Ҳаме буд ёзон ба пурмоя тоҷ.

Биандохт он тобдода каманд,
Сари тоҷи шоҳ андаромад ба банд.

Яке теғ Густаҳм зад бар каманд,
Сари шоҳро з-он наёмад газанд.

Ба зудӣ камонро ба зеҳ кард[1] гурд,
Ба тир аз ҳаво рӯшноӣ бибурд.[2]

Бад-он турки бадсоз Баҳром гуфт,
Ки «Ҷуз хоки тира мабодат нуҳуфт,

Кӣ гуфтат, ки бо шоҳ ҷанг озмой,
Надидӣ маро пеши ӯ-бар ба пой?!»

Пас омад ба лашкаргаҳи хеш боз,
Равонаш пур аз дарду тан пургудоз.

ПАНД ДОДАНИ ГУРДИЯ БАРОДАРИ ХУД БАҲРОМРО

Чу хоҳар-ш бишнид, к-омад зи роҳ,
Бародар-ш баргашт аз пеши шоҳ.

Биандохт он номдор афсараш,
Биёвард фармонбари чодараш.

1. ИЛ – Камонро ба зеҳ кард Биндӯйи
2. ТПЗ – Биандохт бар турк тире ходанг,
Аз ӯ рӯй бартофт ҷӯяндаҷанг.

www.sattor.com

Биёмад ба пеши бародар давон
Диле хаста аз дарду тира равон.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй меҳтари ҷангҷӯй,
Чӣ гуна шудӣ пеши Хусрав, бигӯй.

Гар ӯ аз ҷавонӣ шавад тезу тунд,
Магардон ту дар οштӣ рой кунд».

Ба хоҳар чунин гуфт Баҳроми гурд,
Ки «Ӯро зи шоҳон набояд шумурд.

На ҷангисаворе, на бахшандае,
На доносаре, ё дурахшандае.

Ҳунар беҳтар аз гавҳари номдор,
Ҳунарманд бояд тани шаҳрёр».

Чунин гуфт донанда хоҳар бад-ӯй,
Ки «Эй тезҳуш меҳтари номҷӯй.

Туро чанд гӯям, сухан нашнавӣ,
Ба пеш оварӣ тундиву бадхувӣ.

Нигар, то чӣ гӯяд сухангӯи Балх,
Ки бошад сухан гуфтани рост талх.

Ҳар он кас, ки оҳуи ту бо ту гуфт,
Ҳама ростиҳо кушод аз нуҳуфт.

Макун ройи вайронии[1] шаҳри хеш,
Зи гетӣ чу бардоштӣ баҳри хеш.

Бар ин-бар яке достон зад касе,
Куҷо баҳра будаш зи дониш басе,

Ки хар шуд, ки хоҳад зи говон суру,
Ба говора гум кард гӯш аз ду сӯ.

Накӯҳиш маxоҳ аз ҷаҳон сарбасар,
Набуд аз таборат касе тоҷвар.

1. Л –вайронӣ аз

www.sattor.com

Агар нестӣ ин ҷавон дар миён,
Набудӣ ман аз доғ тираравон,

Падар зиндаву тахти шоҳӣ ба ҷой,
Ниҳода ту андар миён пеш пой.

Надонам, саранҷоми ин чун бувад,
Ҳамеша[1] ду чашмам пур аз хун бувад.

Ҷуз аз дарду нафрин наҷӯӣ ҳаме,
Гули заҳр хира бибӯӣ ҳаме.

Чӣ гӯянд, Чӯбина бадном гашт,
Ҳама номи Баҳром дашном гашт.

Бар ин низ ҳам хашми Яздон бувад,
Равонат ба дӯзах, ба зиндон бувад.[2]

Нигар, то чуз аз Ҳурмузи шаҳрёр
Кӣ буд дар ҷаҳон мар туро хостор?!

Чу он тахту он колаи Совашоҳ
Ба даст омадат, барниҳодӣ кулоҳ.

Чу з-ӯ номвар гаштӣ андар ҷаҳон,
Биҷӯӣ ҳаме тахти шоҳаншаҳон?[3]

Ҳама некуиҳо зи Яздон шинос,
Мабош андар ин тоҷвар носипос.

Ба разме ки кардӣ, чунин каш машав,
Ҳунарманд будӣ, манифаш машав.

Ба дил девро ёр гардӣ ҳаме,
Ба Яздон гунаҳкор гардӣ ҳаме.

Чу ошуфта шуд Ҳурмузу бардамид
Ба гуфтори Оингушаспи[4] палид.

---

1. Л – Ҳама шаб
2. ТП – Напояд ҷаҳон, эй бародар, ба кас,
Намонад ҷуз аз номи некӯву бас.
3. Л – б. 283–485 нест.
4. Л – Оразгушаспи

www.sattor.com

Чу ӯро чунон сахтӣ омад ба рӯй,
Зи Бардаъ биёмад писар кинаҷӯй.

Туро андар он сабр боист кард,
Набуд бандаро рӯзгори набард.

Бибоист рафтан бари шоҳи нав,
Ба коми вай оростан гоҳи нав.

Накардӣ ҷавон ҷуз ба ройи ту кор,
Надидӣ дилат ҷуз беҳ аз рӯзгор.

Таносон будӣ шоду бедорбахт,[1]
Чаро кардӣ оҳанги ин тоҷу тахт?!

Ту донӣ, ки аз тухмаи Ардашер
Ба ҷоянд шоҳони барнову пир.

Або ганҷу бо лашкари бешумор
Ба Эрон кӣ хонад туро шаҳрёр?

Агар шаҳрёре ба ганҷу сипоҳ
Тавонист кардан ба Эрон нигоҳ,

Набудӣ ба ҷуз Сова солори Чин,
Ки овард лашкар ба Эронзамин.

Туро пок Яздон бар ӯ баргумошт,
Бади ӯ зи Эрону Нерон бикошт.

Ҷаҳондор то ин ҷаҳон офарид,
Баланд осмон аз бараш баркашид,[2]

Надиданд ҳаргиз саворе чу Сом,
Назад пеши ӯ шери дарранда гом.

Чу Нӯзар шуд аз бахт бедодгар,
Ба пой андаровард ройи[3] падар,

Ҳама меҳтарон Сомро хостанд,
Ҳаме тахти пирӯза оростанд.

1. ИЛ – пирӯзбахт,
2. И – Замин карду ҳам осмонро падид.
3. Л – роҳи: И – расми.

www.sattor.com

Бад-он меҳтарон гуфт: «Ҳаргиз мабод,
Ки ҷони сипаҳбад кунад тоҷ ёд,

Ки хоки Манучеҳр гоҳи ман аст,
Пайи тахти Нӯзар кулоҳи ман аст».[1]

Бад-он гуфтам ин: «Эй бародар, ки тахт
Наёбад, магар марди пирӯзбахт[2]

Ки дорад кафи роду фарри нажод,[3]
Хирадманду равшан диле[4] пур зи дод.

Надонам, ки бар ту чӣ хоҳад расид,
Ки андар дилат шуд хирад нопадид».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Ин аст рост,
Бар ин ростӣ пок Яздон гувост.

Валекин кунун кор аз ин даргузашт,
Дилу мағзи ман пур зи тимор[5] гашт.

Агар меҳ шавам, гар диҳам сар ба марг
Ки марг андарояд ба пӯлодтарг.»[6]

РОЙ ЗАДАНИ ХУСРАВИ ПАРВИЗ БО СИПАҲДОРОН ВА МӮБАДОНИ ХУД

В-аз он рӯй шуд шаҳрёри ҷавон,
Чу бугзашт шод аз пули Наҳравон.[7]

---

1. ТПЗ – Зи ту Сом донам, ки буд мардтар,
Наҷуст ин шаҳӣ, чун набуд бадгуҳар.
Чу Дастону чун Рустами пилтан
Наҷустанд шоҳӣ бад-он анҷуман.
2. Л – мардуми некбахт.
3. ИЛ – Кафе роду фарру
4. Л – равшандилу
5. Л – мағзам аз оз бемор
6. ТПЗ – Агар ман шавам хаста аз шоҳи нав,
Сипоҳам ситонанд аз ӯ гоҳи нав.
Нишонанд дигар касеро ба гоҳ,
Дили лашкар аз кини ӯ шуд сиёҳ.
7. И–Пеш аз б. 512 ин б. омада:
Чу хуршед баркард заррин кулоҳ,
Ба худ бозгаштанд шоҳу сипоҳ.
Яке пур зи андеша, дигар зи кин
Ҳаросон зи рози ҷаҳонофарин.
Аз ин рӯй Баҳром шуд сӯи кох,
Диле пур зи андешаи шох-шох.

www.sattor.com

Ҳама меҳтаронро зи лашкар бихонд,
Сазовор бар тахти шоҳӣ нишонд.

Чунин гуфт, к-«Эй некдил меҳтарон,
Ҷаҳондидаву коркарда сарон,

Ба шоҳӣ нахустин маро ин сар аст,
Ҷуз аз озмоиш на андарх(в)ар аст.

Ба ҷое касе нест моро сипос,
Агарчанд ҳастем некишинос.

Шуморо зи мо ҳеҷ некӣ набуд,
Ки чандин ғаму ранҷ бояд фузуд.

Ниёкони моро парастидаед,
Басе шӯру талхи ҷаҳон дидаед.

Бихоҳам кушодан яке рози хеш,
Ниҳон дорам аз лашкар овози хеш.

Сухан гуфтани ман ба эрониён
Набояд, ки берун баранд аз миён,

К-аз ин гуфтан андешаи ман табоҳ
Шавад, чун бигӯянд пеши сипоҳ.

Ман имшаб сиголидаам тохтан,
Сипаҳро ба ҷанг-андар андохтан,

Ки Баҳромро дидам андар[1] сухун,
Саворест аспафкану коркун.

Надидам хирадмандӣ андар сараш,
На андар сари номвар лашкараш.

Ҷуз аз разми Сова нагӯяд сухан,
Ҳаме нав кунад рӯзгори куҳан.

Ҳаме кӯдаке бехирад донадам,
Ба гурзу ба шамшер тарсонадам.

1. Л –дидаам дар

www.sattor.com

Надонад, ки ман шаб шабехун кунам,
Ба разм-андарун тарс берун кунам.

Агар ёр бошед бо ман ба ҷанг,
Чу шаб тира гардад, насозам диранг.

Чу шӯяд ба анбар шаби тира рӯй,
Бияфшонад он гесӯи мушкбӯй,

Шумо барнишинед бо този ҷанг,
Ҳама гурзу ханҷар гирифта ба чанг».

Бад-он барниҳоданд яксар сипоҳ,
Ки як тан нагардад зи фармони шоҳ.

Чу Хусрав биёмад ба пардасарой,
Зи бегонамардум бипардахт ҷой.

Биёвард Густаҳму Бандӯйро,
Ҷаҳондидаи гурд – Гурдӯйро.

Ҳамин корзори шабехун бигуфт,
Ки бо ӯ магар ёр бошанду ҷуфт.

Бад-ӯ гуфт Густаҳм, к-«Эй шаҳрёр,
Чарой чунин эман аз рӯзгор?

Ту бо лашкар акнун шабехун кунӣ,
Зи дилҳо магар меҳр берун кунӣ.

Сипоҳи ту бо лашкари душмананд,
Або ӯ ҳама якдилу яктананд.[1]

Зи як сӯ набера, зи як сӯ ниё,
Ба мағз-андарун кай бувад кимиё?!

Аз ин сӯ бародар в-аз он сӯ падар
Ҳама пок баста як андар дигар.

Падар чун кунад бо писар корзор,
Бад-ин орзу коми душман махор.

1. Л – Сипоҳи ту бо лашкари душманат
Чунонанд, чун бо ту пероҳанат.

www.sattor.com

Набоист гуфт ин сухан бо сипоҳ,
Чу гуфтӣ кунун, кор кардӣ табоҳ».

Чунин гуфт Гурдӯй: «Ин худ гузашт,
Гузашта ҳама бод бошад ба дашт.

Тавоноиву ганҷу кому сипоҳ
Сари марди барно бупечад зи роҳ.

Бад-ин размгоҳ-андар имшаб мабош,
Мамон, то шавад ганҷу лашкар ба лош,

Ки ман бегумонам, к-аз ин рози мо
В-аз ин сохтан дар ниҳон сози[1] мо

Бад-он лашкар акнун расид огаҳӣ,
Набояд, ки ту сир ба душман диҳӣ».

Чу бишнид Хусрав, писанд омадаш,
Ба дил ройи ӯ судманд омадаш.

Гузин кард аз он саркашон мард чанд,
Ки бошанд бар неку бад ёрманд.

Чу Харроди Барзину Густаҳми шер,
Чу Шопуру чун Андиёни далер,

Чу Бандӯйи Харроди лашкарфурӯз,
Чу Настӯҳи лашкаркаши невсӯз,

Чунин низ ҳар кас, ки буд дарх(в)араш,
Нигаҳбони ганҷу сипоҳу сараш.[2]

Тале буд пурсабзаву ҷои сур,
Бар он ҷо шуду дид лашкар зи дур.

Бирафтанд ороста дил ба ҷанг,
Бад-он ҷой карданд гурдон диранг.

---

1. Л – кори
2. ИЛ – б. 551 нест:
ТПЗ – Бирафтанд ҷое, ки боло намуд,
Ки гар ҷанг бошад, сар оранд суд.

www.sattor.com

В-аз он рӯй биншаст Баҳроми гурд,
Бузургони лашкар бирафтанду хурд.

Сипаҳбад бипурсид аз он саркашон:
«Кӣ омад зи хешон шуморо нишон?

Фиристед ҳар кас, ки доред хеш,
Ки бошанд якдил ба гуфтору кеш.

Гар эшон биёянду фармон кунанд,
Ба паймон равонҳо[1] гаравгон кунанд,[2]

Сипаҳ монд аз Бардау Ардабил,
В-аз Армения сустпай як-ду хел.

Аз эшон ба размандарун нест бок,
Чи мардони Бардаъ, чи як мушт хок».

Шуниданд гарданкашон ин сухун,
Ки Баҳроми ҷанговар афканд бун.

Зи лашкар гузиданд марде дабир,
Сухангӯву донандаву ёдгир.

Биёмад гаве бо диле пур зи роз,
Ҳаме буд[3] пӯён шаби дерёз.

Бигуфт, ончи бишнид аз он меҳтарон
Бад-ин номдорону кундоварон.

Аз эрониён посух эдун шунид,
Ки то размн лашкар наёяд падид,

Яке мо зи Хусрав нагардем боз,
Битарсем, к-ин кор гардад дароз.

Мабошед эмин бад-он размгоҳ,
Ки Хусрав шабехун кунад бо сипоҳ.

1. Л – забонҳо
2. ТПЗ – Зи ганҷи ман эшон тавонгар шаванд,
Ба сони шумо покмеҳтар шаванд.
3. И – Ҳаме рафт

www.sattor.com

Чу посух шунид он фиристода мард,
Сӯи лашкари паҳлавон шуд чу гард.

Шунида суханҳо ҳама бозгуфт,
На бар ошкоро, ки бар роз гуфт.

Чу Баҳром аз он кор огоҳ шуд,
Ки лашкар мар ӯро накӯхоҳ шуд,[1]

Бифармуд,[2] оташ барафрӯхтанд,
Ба ҳар ҷой шамъе ҳаме сӯхтанд.

ШАБЕХУН КАРДАНИ БАҲРОМИ ЧӮБИНА БАР ЛАШКАРИ ХУСРАВ ВА ГУРЕХТАНИ ХУСРАВИ ПАРВИЗ

Зи лашкар гузин кард Баҳроми шер,
Сипоҳе ҷаҳонгиру гурду далер.

Чу карданд бо ӯ дабирон шумор,
Сипаҳ буд шамшерзан шаш ҳазор.[3]

Ба ҷанговарон гуфт: «Чун захми кӯс
Барояд ба ҳангоми бонги хурӯс,

Шумо бархурӯшеду андарниҳед,
Саронро зи хун бар сар афсар ниҳед».

Бишуд тез лашкар ба фармони гав,
Се турки сарафрозашон пешрав.

Бари[4] лашкари шаҳрёр омаданд,
Ҷафопешаву кинадор омаданд.

Хурӯш омад аз гурзу кӯполу теғ,
Аз оҳан замин гашту аз гард меғ.

1. ИЛ – б. 568, 569 нест.
2. ИЛ – Ҳама лашкар
3. ТПИЛМ – Зи хоқониён он се турки сутург,
Ки буданд бар сони арғунда гург.
4. Л – Бад-он

www.sattor.com

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки Хусрав куҷост,
Ки имрӯз пирӯзиву дасти[1] мост.

Ба боло ҳаме буд Хусрав ба дард,
Ду дида пур аз хуну рӯ[2] ложвард.[3]

Чунин то сапеда[4] баромад зи кӯҳ,
Шуд аз захми шамшер[5] лашкар сутӯҳ.

Чу шуд домани тирашаб нопадид,
Ҳама размгаҳ куштаву хаста дид.

Ба гарданкашон гуфт: «Ёрӣ кунед,
Бар ин душманон комгорӣ кунед,

Ки пирӯзгар пушту ёри ман аст,
Кунун захму шамшер кори ман аст».

Биёмад дамон то бари он се турк,
Чӣ турк он диловар, се гурги сутург.

Яке тохт то пеши Хусрав расид,
Парандоваре аз миён баркашид.

Ҳаме хост зад бар сари шаҳрёр,
Сипар бар сар овард шоҳи савор.

Ба зери сипар теғи заҳробгун,
Бизад тезу андохташ сарнагун.

Хурӯшид, к-«Эй номдорони ҷанг,
Замоне дигар кард бояд диранг».

Сипоҳаш ҳама рӯй баргоштанд,
Ҷаҳонҷӯйиро хор бугзоштанд.

Ба Бандӯю Густаҳм гуфт он замон,
Ки «Акнун шудам з-ин сухан бадгумон.

1. Л – пирӯзии рӯзи
2. Л – рух
3. И –б. 578–579 нест:
ТПМ – Фурӯ монда аз кори гетӣ шигифт,
Аз он кор андеша андаргирифт.
4. Л – Синони сапеда
5. Л – Баромад, шуд аз захм

www.sattor.com

Расида маро ҳеҷ фарзанд нест,
Ҳамон аз дари тоҷ пайванд нест.

Агар ман шавам кушта дар корзор,
Намонад касе тоҷро ёдгор.

Бад-ӯ гуфт Бандӯй, к-«Эй сарфароз,
Ҷаҳонро ба фарри ту омад ниёз.

Сипаҳ рафт акнун, ту эдар маист,
Ки кас дар замона туро ёр нест.[1]

Ба Гурдӯй гуфт он замон шаҳрёр,
К-«Аз эдар бирав тозиён бо Тухор.

Аз ин мондагон бар саворе ҳазор
В-аз он размгоҳ ончи ёбӣ, биёр.

Саропардаву дебаву ганҷу тоҷ,
Ҳамон бардаву бадраву тахти оҷ.

Фаровон ба бурдан кашиданд ранҷ,
Бузургон буна барниҳоданду ганҷ.

Ҳамон гаҳ яке аждаҳофаш дирафш
Падид омаду гашт гетӣ бунафш.

Пас-андар ҳаме ронд Баҳроми гурд,
Ба ҷанг аз ҷаҳон рӯшноӣ бибурд.

Расиданд Баҳрому Хусрав ба ҳам,
Диловар ду ҷангӣ, ду шери дижам.

Чу пилони ҷангӣ барошуфтанд,
Ҳаме бар сари якдигар кӯфтанд.

Ҳаме гашт Баҳром чун шери нар,
Силеҳаш наёмад бад-ӯ коргар.

Бар ин гуна то хур зи гунбад бигашт,
Аз андоза овезиш андаргузашт.

1. Л – б. 593, 594 нест.

www.sattor.com

Тухор он замон пеши Хусрав расид,
Ки ганҷу буна сӯи он[1] пул кашид.

Чу бишнид Хусрав, ба Густаҳм гуфт,
Ки «моро касе нест дар ҷанг[2] ҷуфт.

Ки мо даҳ танем, ин сипоҳи бузург,
Ба пеш-андарун паҳлавони сутург.

Агарчанд ёвар маро дод фар.
Чу ёрон набошанд, печем сар.

Ҳазимат ба ҳангом беҳтар зи ҷанг,
Чу танҳо шудӣ, нест ҷои диранг.[3]

Ҳаме ронд нокордида ҷавон
Бад-ин гуна то бар[4] пули Наҳравон.

Пас-андар ҳаме ронд[5] Баҳром тез,
Саре пур зи кина, диле пурситез.

Чу Хусрав чунон дид, бар пул бимонд,
Ҷаҳондида Густаҳмро пеш хонд.

«Биёред,– гуфт,- ин камони маро,
Ба ҷанг-андарун тарҷумони маро».

Камонаш бибурд, он ки ганҷур буд,
Бар он кор Густаҳм дастур буд.

Камон баргирифт он сипаҳдори гурд,
Ба тир[6] аз ҳаво рӯшноӣ бибурд.

Ҳаме тир борид ҳамчун тагарг,
Ба якчӯба бо сар ҳаме дӯхт тарг.

Пас-андар ҳаме тохт Баҳроми шер
Камоне ба ҷанг,[7] аждаҳое ба зер.

1. Л – з-он сӯи
2. Л – бо мо касе ҷангро нест
3. И – б. 589–609 нест: Л – б. 608 нест.
4. И – Бар ин гуна бар то: Л--Бар ин гуна шуд то
5. ИЛ – ҳаме тохт
6. Л – ҷанг
7. Л – даст,

www.sattor.com

Ба даст-андарун чуз камоне надошт,
Бар он асп баргустувоне надошт.

Чу Хусрав чунон дид, баргашт шод,
Ду зоғи камонро ба зеҳ барниҳод.

Яке тир зад бар бари борагӣ,
Ки шуд кори он бора якборагӣ.

Пиёда сипаҳбад сипар баргирифт,
Ба бечорагӣ даст[1] бар сар гирифт.

Ялонсина пеш андаромад чу гард,[2]
Ҷаҳонҷӯй кай дошт ӯро ба мард.

Ҳам андар замон аспи вайро бихаст,
Пиёда Ялонсина аз пул биҷаст.

Сипаҳ бозгашт аз пули Наҳравон,
Ҳар он кас, ки буданд пиру ҷавон.

Чу Баҳром баргашт, Хусрав чу гард
Пули Наҳравон сар ба сар пора кард.

Ҳаме ронд ғамгин сӯи Тайсафун,
Пур аз дард дил,[3] дидагон пур зи хун.

Дари шорсонро ба оҳан бубаст,
Ба анбӯҳи андешагон дарнишаст.

Зи ҳар барзане меҳтареро бихонд,
Ба дарвоза-бар посбонон нишонд.

ГУРЕХТАНИ ХУСРАВ БА РУМ ВА КУШТА ШУДАНИ ПАДАРИ Ӯ ҲУРМУЗД

В-аз он ҷойгаҳ шуд ба назди[4] падар,
Ду дида пур аз хуну хаста ҷигар.

1. Л – тарг
2. И – Ҳаме ҳар замоне яке ҳамла кард:
   ТПЗ – Ҷаҳонҷӯй кай дошт ӯро ба мард,
   Абар борагӣ дасти чап рост кард.
3. И – Диле пур зи ғам,
4. ИЛ – пеши

www.sattor.com

Чу рӯи падар дид, бурдаш намоз,
Ҳаме буд пешаш замоне дароз.

Бад-ӯ гуфт, к-«Он[1] паҳлавони савор,
Ки ӯро гузидӣ ту,[2] эй шаҳрёр,

Биёмад чу шоҳон, ки доранд фар,
Сипоҳе биёвард бисёрмар.

Бигуфтам сухан, ҳар чи омад зи панд,
Бад-ӯ-бар набуд панди ман судманд.

Ҳама ҷангу пархош буд коми ӯй,
Ки ҳаргиз мабодо равон номи ӯй.

Ба ноком разме гарон карда шуд,
Фаровон кас аз ахтар озурда шуд.

Зи ман бозгаштанд яксар сипоҳ,
Надиданд, гуфтӣ, маро ҷуз ба роҳ.

Ҳаме шоҳ хонданд Баҳромро,
Надиданд аз оғоз фарҷомро.

Паси ман кунун то пули Наҳравон
Биёвард лашкар чу кӯҳи равон.

Чу шуд кор бебарг, бугрехтам,
Ба доми бало дарнаёвехтам.

Нигаҳ кардам акнун ба суду зиён,
Ки бошанд ёвар магар тозиён.

Гар эдун, ки фармон диҳад шаҳрёр,
Саворони тозӣ биёрам ба кор».

Бад-ӯ гуфт Ҳурмуз: «Бад-ин[3] рой нест,
Ки акнун туро пой бар ҷой нест.

Туро рафтан он ҷо ҷуз аз ранҷ нест,
Ки он ҷо силеҳи тану ганҷ нест.

---

1. ИЛ – к-ин
2. ИЛ – гузин кардӣ,
3. ИЛ – к-ин

www.sattor.com

Набошанд ёвар туро тозиён,
Чу аз ту[1] наёбанд суду зиён.

Набанданд дил дар[2] нажоди ту[3] низ,
Ба душман супорандат[4] аз[5] баҳри чиз.

Бад-ин кор пушти ту Яздон бувад,
Ҳамовози ту бахти хандон бувад.

Чу бугзошт хоҳӣ ҳаме марзу бум,
Аз эдар бирав тозиён то ба Рум.

Суханҳои ин бандаи чораҷӯй
Чу рафтӣ, якояк ба қайсар бигӯй.

Ба ҷое, ки дин асту ҳам хоста-ст,[6]
Силеҳу сипоҳи вай[7] ороста-ст.

Фаридуниён низ хеши туанд,
Чу корат шавад сахт, пеши туанд».

Чу бишнид Хусрав, замин бӯса дод,
Басе офаринҳо бар ӯ кард ёд.[8]

Ба Бандӯву Гурдӯву Густаҳм гуфт,
Ки «Мо бо ғаму ранҷ гаштем ҷуфт.

Бисозеду яксар буна барниҳед,
Бару буми Эрон ба душман диҳед».[9]

Бигуфт ину аз дида овоз хост,
Ки «Эй шоҳи некахтари додрост,

1. ИЛ – ҷое
2. Л – Ба дарди дил андар
3. И – Ба дарди дил андар туро зор
4. Л – супорандат
5. И –супоранд аз
6. Л – Ки ҷое гузин асту пурхоста-ст
7. Л – Силоҳ асту ҳам шаҳр
8. ТПЗ – Туро қайсар аз ганҷ ёрӣ диҳад,
Ҳам аз лашкарат комгорӣ диҳад.
9. ТПЗ – Бад-ӯ гуфт Густаҳм, к-«Эй шаҳрёр,
Мабинод чашмат бади рӯзгор.
Чунин гуфт Хусрав, ки гардонсипеҳр
Гаҳе хашм бор оварад, гоҳ меҳр.

www.sattor.com

Яке гарди тира баромад зи роҳ,
Дирафши дурафшон миёни сипоҳ».

Чу бишнид Хусрав, ҳамон гоҳ зуд
Ба асп андаромад ба кирдори дуд.[1]

Бурун рафт тозон ба монанди[2] гард
Дирафше паси пушти ӯ ложвард.

Дирафше, куҷо пайкараш аждаҳост,
Ки Чӯбина бар Наҳравон кард рост.

Бупечид ёлу бару рӯйро,
Нигаҳ кард Густаҳму Биндӯйро.

Ҳаме ронданд он ду тан нарм-нарм,
Хурӯшид Хусрав ба овози гарм.

Ки «Эй носазоён, чӣ[3] пеш омадаст,
Ки бадхоҳатон ҳамчу хеш омадаст?!

В-агарна чунин нарм рондан чарост,
Ки Баҳром наздики пушти шумост!»

Бад-ӯ гуфт Биндӯй, к-«Эй шаҳрёр,
Дилатро ба Баҳром ранҷа мадор,

Ки ӯ гарди моро набинад ба роҳ,
Ки дур аст аз эдар дирафши сиёҳ.

Чунин аст ёрон-тро гуфтугӯй,
Ки моро чунин тохтан нест рӯй,

Ки Чӯбина ояд ба айвони шоҳ,
Ҳамон гаҳ ба Ҳурмуз диҳад тоҷу гоҳ.

Нишинад чу дастур бар дасти ӯй,
Ба дарё расад коргар шасти ӯй.

Ба қайсар яке нома аз шаҳрёр
Нависанд, к-«Ин бандаи нобакор

1. Л – б. 656 нест.
2. Л – Ҳаме ронд Хусрав ба кирдори
3. Л – моро сарафшон зи

www.sattor.com

Гурезон бирафтаст аз ин марзу бум,
Набояд, ки ором гирад ба Рум.

Ҳар он гаҳ, ки ӯ хештан кард рост,
Нажандиву кажжӣ аз ин баҳри мост.[1]

Чу ояд бад-он марз, бандаш кунед,
Дили шодмон пургазандаш кунед.

Бад-ин баргоҳаш фиристед боз,
Мамонед, то гардад ӯ сарфароз.

Бубанданд ҳам дарзамон пои шоҳ,
Фиристанд гирён бад-ин боргоҳ».

Чу бишнид Хусрав, дилаш[2] хира гашт,
Зи гуфтори эшон рухаш тира гашт.[3]

Чунин дод посух, ки «Аз бахти бад
Сазад, з-ин нишон гарчи[4] бар мо расад».

Суханҳо дароз асту коре дурушт,
Ба Яздон кунун боз ҳиштем пушт.

Биронд аспу гуфт: «Ончи аз хубу зишт
Ҷаҳондор бар тораки мо набишт,

Бибошад, нагардад ба андеша боз,
Мабодо, ки ояд ба душман ниёз».

Чу ӯ баргузашт, он ду бедодгар
Аз ӯ бозгаштанд пуркина сар.

Зи роҳ андар айвони шоҳ омаданд,
Пур аз ранҷу дил пургуноҳ омаданд.

Зи дар чун расиданд наздики тахт,
Зеҳе аз камон боз карданд сахт.

1. Л – ба буми шумост.
2. Л – сараш
3. И – б. 674 нест.
4. ИЛ – ҳарчи

www.sattor.com

Фиканданд ногоҳ бар гарданаш,
Биёвехтанд он гиромӣ танаш.

Шуд он тоҷу он тахти шоҳаншаҳон,
Ту гуфтӣ, ки Ҳурмуз набуд дар ҷаҳон.

Чунин аст оини гардандадаҳр,
Гаҳе нӯш бор[1] оварад, гоҳ заҳр.

Агар моя ин аст, судаш маҷӯй,
Ки дар ҷустанаш ранҷат ояд[2] ба рӯй!

Чу шуд гардиши рӯзи Ҳурмуз ба пой,
Тиҳӣ монд он тахту фархунда ҷой.

Ҳамон гоҳ бархост овои кӯс,
Рухи хуниён гашт чун сандарӯс.

Дирафши сипаҳбад ҳамон гаҳ зи роҳ
Падид омад андар миёни сипоҳ.

Ҷафопеша Густаҳму Биндӯй тез
Гирифтанд аз он гоҳ[3] роҳи гурез.

Чунин то ба Хусрав расид ин ду мард,
Ҷаҳонҷӯй чун дидашон рӯй[4] зард,

Бидонист, к-эшон диле пур зи роз
Чаро аз ҷаҳондор гаштанд боз.[5]

Ба рухсора шуд чун гули шанбалид,
Накард он сухан бар далерон падид.

Бад-эшон чунин гуфт, к-«Аз шоҳроҳ
Бигардед, к-омад ба тангӣ сипоҳ.

Биёбон гузинеду роҳи дароз,
Мадоред яксар тан аз ранҷ боз».

1. Л – пеш
2. Л – ҷустан ҳаме ранҷат орад
3. ИЛ – з-он кох
4. Л–гашт
5. И–б. 691 нест.

www.sattor.com

РАФТАНИ ХУСРАВ БА РУМ

Чу Баҳром рафт андар айвони шоҳ,
Гузин кард аз он лашкари кинахоҳ

Зиреҳдору шамшерзан шаш ҳазор,
Бад-он, то шаванд аз паси шаҳрёр,

Чунин лашкари номбардору гурд
Ба Баҳроми пури Сиёвуш супурд.

В-аз он рӯй Хусрав биёбон гирифт,
Ҳаме аз бади душманон ҷон гирифт.

Чунин то ба пеши работе расид,
Сари теғи девори ӯ нопадид.

Куҷо хондандиш Яздонсарой,
Парастишгаҳе буд фархундаҷой.

Нишастангаҳи сӯгворон будӣ,
Бад-ӯ дар сакубову митрон шудӣ.

Чунин гуфт Хусрав ба яздонпараст,
Ки «Аз хӯрданӣ чист эдар ба даст?»

Сакубо бад-ӯ гуфт, к-«Эй номдор,
Фатир аст бо тарраи[1] ҷӯйбор.

Гар эдун, ки шояд бад-ин сон хӯриш,
Мабодат ҷуз аз тӯша ин парвариш».

Зи асп андаромад сабук шаҳрёр,
Ҳам онон ки буданд бо ӯ савор.

Ҷаҳонҷӯй бо ин ду хусравпараст
Гирифт аз пайи бож барсам ба даст.

Нишастанд бар нарм реги кабуд,
Ба иштоб хӯрданд, он чи ки буд.

Чунин гуфт пас бо сакубо, ки май
Надорӣ ту, эй пири фархундапай?

1. Л – пудани

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт: «Мо май зи хурмо кунем,
Ба таммуз ҳангоми гармо кунем.

Кунун ҳаст лахте чу равшан гулоб,
Ба сурхӣ чу беҷода дар офтоб».

Ҳамон гаҳ биёвард ҷоме набид,
Ки шуд ранги хуршед з-ӯ нопадид.

Бихӯрд он замон Хусрав аз май се ҷом,
Маю нони кашкин,[1] ки дорад ба ном.

Чу мағзаш шуд аз бодаи сурх гарм,
Баногаҳ бихуфт аз бари реги нарм.

Ниҳод аз бари рони Бандӯй сар,
Равонаш пур аз дарду хаста ҷигар.

Ҳамон чун ба хоб андаромад сараш,
Сакубои меҳтар биёмад бараш,

Ки аз роҳ гарде баромад сиёҳ,
Дар он гарди тира фаровон сипоҳ.

Чунин гуфт Хусрав, ки «Бад рӯзгор,
Ки душман бад-ин гуна шуд хостор.

На мардум ба кор асту на борагӣ,
Фароз омад он рӯзи бечорагӣ».

Бад-ӯ гуфт Бандӯй: «Пас, чора соз,
Ки омад сипаҳбад ба тангӣ фароз».

Бад-ӯ гуфт Хусрав, ки «Эй некхоҳ,
Маро андар ин кор бинмой роҳ».

Бад-у гуфт Бандӯй, к-«Эй шаҳрёр,
Туро чора созам бад-ин рӯзгор.

Валекин фидо карда бошам равон,
Ба пеши ҷаҳонгир шоҳи ҷавон,

1. Л – нону пудан

www.sattor.com

Ки ҳар к-ӯ кунад бар дари шоҳ кишт,
Наёбад[1] бад-он гетӣ андар биҳишт».

Бад-ӯ гуфт Хусрав, ки «Донои Чин
Яке хубтар достон зад бар ин:

Чу девори шаҳр андарояд[2] зи пой,[3]
Калота[4] набояд, ки монад ба ҷой.[5]

Чу ночиз хоҳад шудан шорсон,
Мамонод бар пой беморсон.

Ту гар чорае донӣ, акнун[6] бисоз,
Ҳам[7] аз пок Яздон наӣ бениёз».

Бад-ӯ гуфт Бандӯй, к-«Ин тоҷи зар
Маро деҳ, ҳам ин гӯшвору камар.

Ҳам ин лаъли зарбафти чиниқабой
Чу ман пӯшам инро, ту эдар мапой.

Бирав бо сипоҳат ҳам андар шитоб,
Чу киштӣ, ки маллоҳ ронад бар[8] об».

Бикард он ҷавон, ҳарчи Бандӯй гуфт,
В-аз он ҷойгаҳ гашт бо бод ҷуфт.[9]

Чу Хусрав бирафт аз бари чораҷӯй,
Ҷаҳондида сӯи сутуф кард рӯй,

Ки «Акнун шуморо бад-ин бурзи кӯҳ
Бибояд будан нопадид аз гурӯҳ».

Худ андар парастишгаҳ омад чу гард,
Ба зудӣ дари оҳанин сахт кард.

1. И – Набояд
2. ИЛ – омад
3. И – ҷой,
4. Л – Гулистон
5. Л – пой.
6. Л – чора донӣ, мар инро.
7. И-Ки
8. Л-дар
9. ТПМ – Ҳаме ронд Густаҳм бо ӯ чу гард,
Саре пур зи кина, диле пур зи дард.

www.sattor.com

Бипӯшид пас ҷомаи зарнигор,
Ба сар барниҳод афсари шаҳрёр.

Бад-он бом шуд, к-аш набуд орзу
Сипаҳ дид гирд-андараш чор сӯ.

Ҳаме буд то лашкари размсоз,
Расиданд наздики он диж[1] фароз.[2]

Бидидандаш аз дур бо тоҷи зар,
Чи бо тавқу бо гӯшвору камар.

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки ин Хусрав аст,
Ки бо тоҷу бо ҷомаҳои нав аст.

Чу Бандӯй шуд бегумон, к-он сипоҳ
Ҳаме боз нашносад ӯро зи шоҳ.

Фуруд омаду ҷомаи хеш тафт
Бипӯшиду[3] бебок[4] бар бом рафт.

Чунин гуфт, к-«Эй размсозони нав,
Киро хонам андар шумо пешрав,

Ки пайғом дорам зи шоҳи ҷаҳон,
Бигӯям шунида ба пешаш ҳамон».

Чу пури Сиёвуш бидидаш ба бом,
«Манам пешрав,–гуфт,– Баҳром ном».

Бад-ӯ гуфт: «Гӯяд чаҳондор шоҳ,
Ки ман сахт печонам аз ранҷи роҳ.

Саворон ҳама хаставу кӯфта,
Зи роҳи дароз андарошуфта.

Бад-ин хонаи сӯгворон ба ранҷ
Фуруд омадастам або ёр панҷ.

1. ИЛ – матбах
2. ТПМ – Абар пой хост он гаҳ аз бом зуд,
Тани хештанро ба лашкар намуд.
3. Л – Хурӯшиду
4. И – ноком

www.sattor.com

Чу пайдо шавад чоки рӯзи сафед,
Кунам дил зи кори ҷаҳон ноумед,

Биёем бо ту ба роҳи дароз
Ба наздики Баҳроми гарданфароз.

Бар ин-бар, ки гуфтам, наҷӯям замон,
Агар ёрмандӣ кунад осмон.

Ниёкони мо, ҳар кӣ будаст пеш,
Нигаҳ доштандӣ ҳам оину кеш.

Агарчи будӣ бахташон дерсоз,
Ба кеҳтар набардоштандӣ ниёз.

Кунун он чи моро ба дил роз буд,
Бигуфтем, чун бахт бадсоз буд.

Зи рахшандахуршед то тирахок
Набошад магар ройи[1] Яздони пок».

Чу солор бишнид аз ӯ достон,
Ба гуфтори ӯ[2] гашт ҳамдостон.

Дигар ҳар кӣ бишнид гуфтори ӯ,
Пур аз дардашон шуд дил аз кори ӯ.

Фуруд омад он шаб бад-он ҷо сипоҳ,
Ҳаме доштӣ роҳи Хусрав нигоҳ.

Дигар рӯз Бандӯй бар бом шуд,
Ба[3] девор бар сӯи Баҳром шуд.

Чунин гуфт, к-«Имрӯз шоҳ аз намоз
Ҳамоно наёяд ба коре фароз.

Чунин ҳам шаби тира бедор буд,
Парастанда пеши ҷаҳондор буд».

Ҳамон низ хуршед баршуд баланд,
Зи гармо набояд, ки ёбад газанд.

1. Л – хости.
2. И – Бад-он достон
3. Л – Зи

www.sattor.com

Биёсояд имрӯзу фардо пагоҳ,
Ҳаме ронад андар миёни сипоҳ».

Чунин гуфт Баҳром бо меҳтарон,
Ки «Корест ин, ҳам сабук, ҳам гарон.

Чу бар Хусрав ин кор гирем танг,
Магар тез гардад, биёяд ба ҷанг.

Ба танҳотан ӯ худ яке лашкар аст,
Ҷаҳонгиру бедору кундовар аст.

В-агар кушта ояд ба дашти набард,
Барорад зи мо низ Баҳром гард.

Ҳамон беҳ, ки имрӯз бошем низ,
В-агар хӯрданӣ нест бисёр чиз.

Магар к-ӯ бар ин ҳамнишон хушманиш
Биёяд або ҷангу бесарзаниш».

Чунон ҳам ҳаме буд, то шаб зи кӯҳ
Даромад, ба гирд андаромад гурӯҳ.

Сипоҳ андаромад ба[1] ҳар паҳлуе,
Ҳаме сӯхтанд оташ аз ҳар суе.

БУРДАНИ БАҲРОМИ СИЁВУШ БАНДӮЙРО ПЕШИ БАҲРОМИ ЧӮБИНА

Чу рӯи замин гашт хуршедфом,
Сухангӯй-Бандӯй баршуд ба бом.

Ба Баҳром гуфт: «Эй ҷаҳондида мард,
Бад-он гаҳ, ки бархост аз дашт гард,

Чу Хусрав шуморо бидидаш, бирафт,
Сӯи Рум бо лашкари хеш тафт.

Кунун гар ту паррон шавӣ чун уқоб,
В-агар бартар орӣ сар аз офтоб.

1. Л – зи

www.sattor.com

Набинӣ ҳаме шоҳро чуз ба Рум,
Ки акнун куҳан шуд бад-он марзу бум.

Кунун гар диҳедам ба ҷон зинҳор,
Биёям бари паҳлавони савор,.

Бигӯям сухан, ҳар чӣ пурсад зи ман,
Зи каммиву бешии он анҷуман.

В-агарна бипӯшам силеҳи набард,
Ба ҷанг андарорам ба[1] хуршед гард».

Чу бишнид Баҳром аз ӯ ин сухан,
Дили марди барно шуд аз ғам куҳан.

Ба ёрон чунин гуфт, к-«Акнун чӣ суд,
Агар ман барорам зи Бандӯй дуд.

Ҳамон беҳ, ки ӯро бари паҳлавон
Барам ҳам бар ин гуна равшанравон.

Бигӯяд бад-ӯ, ҳар чӣ донад зи шоҳ,
Агар сар диҳад, ё[2] ситонад кулоҳ».

Ба Бандуй гуфт: «Эй бади чораҷӯй,[3]
Ту ин доварихо ба Баҳром гӯй».

Фуруд омад аз бом Бандӯи шер,
Ҳаме ронд бо номдорон далер.

Чу бишнид Баҳром, к-омад сипоҳ,
Сӯи Рум шуд Хусрави кинахоҳ.

Зи пури Сиёвуш барошуфт сахт,
Бад-ӯ гуфт, к-«Эй бадтани шӯрбахт!

На кори ту буд он, ки фармудамат,
Ҳаме беҳунар хира бистудамат».

Ҷаҳонҷӯй Бандуйро пеш хонд,
Ҳама хашми Баҳром бар вай биронд.

---

1. Л – зи
2. И – гар
3. И – бади ҷонҷӯй,

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй бадтану бадкуниш,
Фиребандамард аз дари сарзаниш!

Сипоҳи маро хира бифрефтӣ,
Зи бадгавҳари хеш нашкефтӣ.

Ту бо Хусрави шум гаштӣ яке,
Ҷаҳондидае кардӣ аз кӯдаке.

Кунун омадӣ бо диле пурсухан,
Ки ман нав кунам рӯзгори куҳан».

Бад-ӯ гуфт Бандӯй, к-«Эй сарфароз!
Зи ман ростӣ ҷӯву тундӣ масоз.

Бад-он,[1] к-он шаҳаншоҳ хеши ман аст,
Бузургишу[2] родиш пеши ман аст.

Фидо кардамаш ҷону боист кард,
Ту гар меҳтарӣ, гирди кажжӣ магард».

Бад-ӯ гуфт Баҳром: «Ман з-ин гуноҳ,
Ки кардӣ, нахоҳам-т кардан табоҳ.

Валекин ту ҳам кушта бар дасти ӯй
Шавӣ зуду хонӣ маро ростгӯй».

Ниҳоданд бар пои Бандӯй банд,
Ба Баҳром додаш зи баҳри газанд.

Ҳаме буд, то хур шуд андар нуҳуфт,
Биёмад, пур андешаи дил бихуфт.

РОЙ ЗАДАНИ ЭРОНИЁН ВА БАҲРОМ АЗ БАҲРИ ПОДШОҲӢ ВА БАР ТАХТ НИШОНДАН ӮРО

Чу хуршед ханҷар кашид аз наиём,
Падид омад он митрафи зардфом.

Фиристоду гарданкашонро бихонд,
Бар афкандаи тоҷдорон нишонд.

1. Л – Бидон
2. Л – Бузургиву

www.sattor.com

Ба як сӯй курсии заррин ниҳод,
Чу шоҳони пирӯз биншаст шод.

Чунин гуфт аз он пас ба бонги баланд,
Ки «ҳар кас, ки ҳаст аз шумо арҷманд,[1]

Зи шоҳон, зи Заҳҳок бадтар касе
Наёяд[2] падид, ар биҷӯӣ басе,

Ки аз баҳри шоҳӣ падарро бикушт
В-аз он куштан Эронаш омад ба мушт.

Дигар Хусрав, он марди бедоду шум,
Падарро бикушт, он гаҳе шуд ба Рум.

Кунун то падид ояд андар ҷаҳон,
Яке номдоре зи тухми меҳон,

Ки зебо бувад ҷустани тахтро,
Кулоҳу камар бастану бахтро.

Кӣ доред, к-акнун бубандад миён,
Ба ҷой оварад роҳу расми каён?

Ба дорандаи офтоби баланд,
Ки бошам шуморо бад-ин ёрманд».

Шуниданд гарданкашон ин сухун,
Ки он номвар меҳтар афканд бун.

Напечид кас сар зи гуфтори рост,
Яке пирсар буд, бар пой хост,

Куҷо номи ӯ буд Шахрон Гуроз,
Гаве пирсар, меҳтаре сарфароз.[3]

---

1. Л – судманд:
ТПЗ – Ба посух бигӯеду эмин бувед,
Ба гуфтори ман ройи фаррух ниҳед.
Ҳама гӯш доред, гуфтори ман,
Бубинед ин тез бозори ман.
2. Л – Наёмад
3. Л – дерсоз.

www.sattor.com

Чунин гуфт, к-«Эй номдори[1] баланд,
Туӣ, то будӣ дар ҷаҳон[2] судманд.

Будӣ,[3] гар набудӣ ту, он[4] Совашоҳ,
Ки омад бад-ин марзи мо бо сипоҳ,

Аз озодагон бандагон хост кард,
Кас ӯро набуд дар ҷаҳон ҳамнабард.

Зи гетӣ ба мардӣ ту бастӣ миён,
Ки ин[5] ранҷ бугзошт[6] аз эрониён.

Сипаҳ чор бор аз ялон сад ҳазор,
Ҳама гурду шоистаи корзор.

Ба як чӯба тири ту гаштанд боз,
Баросуд Эрон зи гурму гудоз.

Кунун тахти Эрон сазовори туст,
Бар ин-бар гуво бахти бедори туст.

Касе, к-ӯ бупечад зи фармони ту
В-агар дур монад зи паймони ту,

Ба фармонаш орем, агарчи гав аст,
В-агар достонро ҳама Хусрав аст».

Бигуфт ину биншаст бар ҷои хеш,
Хуросонсипаҳбад биёмад-ш[7] пеш.

Бад-ӯ гуфт, к- «Ин пири донишпажӯҳ,
Ки чандин сухан гуфт пеши гурӯҳ,

Бигӯям, ки ӯ аз чӣ гуфт ин сухан
Ҷаҳонҷӯи донандамарди куҳан.

1. И – сарфарозӣ.
2. И – дар ҷаҳон меҳтари
3. ИЛ–Бадӣ,
4. ИЛ – ҷуз аз
5. Л – он
6. Л – бугзашт
7. ИЛ –биёмад ба

www.sattor.com

Чу ин[1] некуиҳо зи ту ёд кард,
Дили анҷуман з-ин сухан шод кард.

Валекин яке достон аст нағз,
Магар бишнавад мардуми покмағз?

Ки Зардушт гӯяд ба Устову Занд,
Ки ҳар кас, ки аз кирдгори баланд

Бипечад, ба як сол пандаш диҳед,[2]
Ҳамон мояи судмандаш диҳед.[3]

Сари сол агар боз н-ояд ба роҳ,
Бибояд-ш куштан ба фармони шоҳ.[4]

Чу бар додгар шоҳ душман шавад,
Сараш зуд бояд, ки бетан шавад».

Хуросон бигуфт ину лабро бубаст,
Биёмад ба ҷое, ки будаш нишаст.

Аз он пас Фарухзод бар пой хост
В-аз он анҷуман сар баровард рост.

Чунин гуфт, к-«Эй меҳтари судманд,
Сухан гуфтани дод беҳ, ё писанд?

Агар дод беҳтар бувад, кас мабод,
Ки бошад зи гуфтори бедод шод.

Агар бар писанд аст гуфтори мо,
Бад-ин нест пирӯзгар ёри мо».

Ба Баҳром гуфто, к-«Анӯша бадӣ,
Ҷаҳонро ба дидор тӯша бадӣ![5]

Анӯша бизӣ, шоҳ[6], то ҷовидон,
Зи ту дур дасту забони бадон!»

---

1. Л – Чунин
2. Л –диҳанд,
3. Л –диҳанд.
4. ИЛ –б. 830 нест.
5. ТПМ – Бар ин гоҳ биншин, ки зебад туро,
   Зи ту пок шуд бад зи ҳар кишваро.
6. Л –шод

www.sattor.com

Бигуфт ину биншаст марди далер,
Хазарвони Хусрав баромад чу шер.

Чунин гуфт: «Акнун, ки чандин сухан
Сароянд барнову марди куҳан,[1]

Саранҷом агар роҳ ҷӯӣ ба дод,
Ҳаюне барафкан ба кирдори бод.

Мамон дер то Хусрави сарфароз,
Накӯбад ба андеша[2] роҳи дароз.

Зи кори гузашта ба пӯзиш гирой,
Сӯи тахт густох магзор пой,

Ки то зинда бошад ҷаҳондор шоҳ,
Сипаҳбад набошад сазовори гоҳ.

В-агар бим дорӣ зи Хусрав ба дил,
Пай аз Порсу аз Тайсафун баргусил.

Ба шаҳри Хуросон таносон бизӣ,
Ки осониву меҳтариро сазӣ.

Ба пӯзиш як андар дигар нома соз,
Магар Хусрав ояд ба роҳи[3] ту боз».

Набардошт Хусрав пай аз ҷои хеш,
Ки то Родфаррух ниҳад пой пеш.

Сухан гуфт пас Родфаррух ба дод,
Ки «Эй номдорони фаррухнажод!

Шунидам сухан гуфтани меҳтарон,
Ки ҳастанд аз Эрон гузида сарон.

Нахустин сухан гуфтани бандавор,
Ки то паҳлавоне шавад шаҳрёр,

---

1. ТПМ – Бигуфтанду гуфта ҳама кас шунид,
Туро бештар роҳ бояд гузид.
2. Л – бедод
3. Л – ройи

www.sattor.com

Хирадманд напсандад ин гуфтугӯй,
К-аз он кам шавад мардро обрӯй.

Хуросон сухан пурманишвор гуфт,
Нагӯям, ки ин бо хирад буд ҷуфт.

Фарухзод бифзуд гуфтори тунд,
Дили мардуми пурхирад кард кунд.

Чаҳорум Хазарвони солор буд,
Ки гуфтори ӯ бо хирад ёр буд,

Ки то офарид ин ҷаҳон кирдгор,
Падид омад ин гардиши рӯзгор.

Зи Заҳҳоки тозӣ нахуст андар ой,
Ки бедодгар буду нопокрой,

Ки Ҷамшеди бартарманишро бикушт,
Ба бедод бигрифт гетӣ ба мушт.

Пур аз дард шуд мардуми порсо,
Ки андар ҷаҳон дев шуд подшо.[1]

Дигар он ки бадгавҳар Афросиёб
Зи Тӯрон бад-ин сӯй бугзошт об.

Ба зорӣ сари Нӯзари номдор
Ба шамшер бибриду баргашт кор.

Се дигар, ки омад Сикандар зи Рум
Ба Эрону вайрон шуд ин марзу бум.

Чу Дорои шамшерзанро бикушт,
Хуру хоби эрониён шуд дурушт.

Чаҳорум чу нопокдил Хушнавоз,
Ки кам кард аз ин буму бар ному ноз.

Чу Пирӯз шоҳи баландахтаре,
Ҷаҳонгиру аз шаҳрёрон саре,

1. ТПЗ – Фаридуни фархундаи шаҳрёр
Бар ӯ-бар сар овард ин рӯзгор.

www.sattor.com

Бикуштанд ҳайтолиён ногаҳон,
Нагун шуд сари[1] тахти шоҳаншаҳон.

Кас андар ҷаҳон ин шигифтӣ надид,
Ки акнун ба наввӣ ба Эрон расид,

Ки бугрехт шоҳе чу Хусрав зи гоҳ,
Сӯи душманон шуд зи дасти[2] сипоҳ».

Бигуфт ину биншаст гирён зи дард,
Зи гуфтори ӯ гашт Баҳром зард.

Ҷаҳондида Синор бар пой ҷаст,
Миён баставу теғи ҳиндӣ ба даст.

Чунин гуфт, к-«Ин моявар паҳлавон
Бузург асту бododу равшанравон.

Кунун то касе аз нажоди каён
Биёяд, бубандад камар бар миён,

Ҳамон беҳ, ки ин барнишинад ба тахт,
Ки гурд асту ҷанговару некбахт».

Сари ҷангиён, к-ин суханҳо шунид,
Бизад дасту теғ аз миён баркашид.

Чунин гуфт, к-«Аз тухми шоҳон зане
Агар бозёбанд[3] дар барзане,[4]

Намонам, ки кас тоҷдорӣ кунад,
Миёни саворон саворӣ кунад».

Шуниданд гурдони оҳарманӣ,[5]
Ки солори нопок кард он манӣ.

Кашиданд шамшеру бархостанд,
Яке нав сухан гуфтан орастанд,

1. Л – сару
2. Л – бими: И – баҳри
3. Л –ёбем
4. ТПМ – Бибуррам сарашро ба шамшери тез,
Зи ҷонаш барорам дами растахез.
5. Л – Чу бишнид Бобуи гурдон манӣ,

www.sattor.com

Ки «Баҳром шоҳ асту мо кеҳтарем,
Сари душманонро[1] ба пай биспарем».

Кашида чу Баҳром шамшер дид,
Хирадмандиву ростӣ баргузид.

Чунин гуфт, к-«Он, к-ӯ зи ҷои нишаст
Барояд, биёзад ба шамшер даст,[2]

Бибуррам ҳам андар замон дасти ӯй,
Ҳушивор гардад сари масти ӯй».

Бигуфт ину аз пеши озодагон
Биёмад сӯи гулшани шойгон.

Пароканда гашт он бузург анҷуман,
Ҳама рух пурожангу дил пуршикан.

1. Л – номдорон
2. И –б. 881 нест.

www.sattor.com

ФЕҲРИСТИ ФУСУЛИ ҶИЛДИ НУҲУМ

Базми шашуми Нӯшинравон бо Бузарчмеҳр ва мӯбадон 5
Базми ҳафтуми Нӯшинравон бо Бузарҷмеҳр ва мӯбадон 11
Достони Маҳбуд, дастури Нӯшинравон 16
Ошкор шудани афсуни Зарвон ва яҳудӣ ва кушта шудани ҳардувон 22
Сохтани Нӯшинравон шорсони Сурсонро 28
Достони разми хоқони Чин бо ҳайтолиён 31
Огоҳ шудани Нӯшинравон аз кори ҳайтолиён ва лашкар
кашидан ба ҷанги эшон 37
Лашкар кашидани Нӯшинравон барои ҷанги хоқони Чин 43
Номаи хоқони Чин ба назди Нӯшинравон 46
Посухи номаи хоқони Чин аз Нӯшинравон 50
Номаи хоқон дар бораи додан духтари хешро ба Нӯшинравон 55
Фиристодани Нӯшинравон Меҳронситодро барои дидани хоқон 61
Фиристодани хоқони Чин духтарро ҳамроҳи
Меҳронситод назди Нӯшинравон... 68
Бозгаштани хоқон ва лашкар кашидани Нӯшинравон сӯи Тайсафун 73
Бозомадани Нӯшинравон ба Эронзамин бо пирӯзӣ 77
Андар ором ёфтани ҷаҳониён аз оини Нӯшинравон.................................... 81
Панд додани Бузарҷмеҳр Нӯшинравонро 84
Андар фиристодани Ройи Ҳинд шатранҷро назди Нӯшинравон...............101
Сохтани Бузарҷмеҳр нардро ва фиристодани Нӯшинравон
ӯро ба Ҳинд...108
Ношинохтани донандагони Ҳинд ройи нардбозӣ 112
Достони Гав ва Талҳанд ва пайдо шудани шатранҷ...................................116
Гуфтугӯ кардани Гав ва Талҳанд аз баҳри тахт 121
Ҷанг сохтани Гав ва Талҳанд...128
Панд додани Гав Талҳандро...131
Ҷанги Гав ва Талҳанд..139
Бори дигар разм кардани Гав ва Талҳанд ва мурдани
Талҳанд бар пушти пил 147
Огоҳ ёфтани модари Талҳанд аз марги писар ва сӯг
кардан аз баҳри ӯ 152
Бозии шатранҷ сохтан аз баҳри модари Талҳанд.......................................156
Гуфтор андар овардани Барзуй «Калила ва Димна»-ро
аз Ҳиндустон 159
Хашм гирифтани Нӯшинравон бар Бузарҷмеҳр ва
банд фармуданаш 170
Фиристодани қайсар дурҷи сарбаста ва раҳоӣ ёфтани
Бузарҷмеҳр ба гуфтани рози он 177
Гуфтор андар тавқеи Нӯшинравон...185
Панд доданн Нӯшинравон писари худ Ҳурмуздро 199
Пурсиши мӯбад аз Нӯшинравон ва посухи ӯ 204
Нома навиштани Нӯшинравон наздики писари Қайсар
ва посух фиристодани он 220

www.sattor.com

Лашкар кашидани Кисро ба Рум ва вом гирифтан аз бозоргонон.............225
Омадани фиристодагони қайсар назди Нӯшинравон
бо пӯзиш ва нисор...231
Гуфтори Нӯшинравон андар валиаҳд кардан писари худ Ҳурмуздро........235
Пурсиши мӯбадон аз Ҳурмузд ва посух додани ӯ 239
Аҳд навиштани Нӯшинравон писари худ Ҳурмуздро.................................246

Подшоҳии Ҳурмузд..255
Оғози достон 255
Бар тахт нишастани Ҳурмуздшоҳ ва андарз кардан ба сардорон..............256
Куштани Ҳурмузд Эзадгушаспро ва заҳр додани
Зардуҳишт мӯбади мӯбадонро..260
Куштани Ҳурмузд Симоҳбарзин ва Баҳроми Озармеҳонро.......................266
Баргаштани Ҳурмузд аз бедод ба додгустарӣ 273
Лашкар кашидани Совашоҳ ба ҷанги Ҳурмузд 277
Нишон додани Меҳронситод аз Баҳроми Чӯбина ба
Ҳурмуздшоҳ ва хостанаш Ҳурмузд 283
Омадани Баҳроми Чӯбина ба наздики Ҳурмуздшоҳ..................................289
Паҳлавонӣ додани Ҳурмузд Баҳроми Чӯбинаро 292
Рафтани Баҳроми Чӯбина ба ҷанги Совашоҳ..298
Фиристодани Ҳурмуздшоҳ Харроди Барзинро наздики
Совашоҳ ба пайғоми фиребанда 303
Пайғом фиристодани Совашоҳ назди Баҳроми Чӯбина.............................307
Саф кашидани Совашоҳ ва Баҳроми Чӯбина ба ҷанги якдигар 311
Фиристодани Совашоҳ пайғоми дигар ба Баҳроми Чӯбина.......................312
Посух додани Баҳроми Чӯбина Совашоҳро...315
Хоб дидани Баҳроми Чӯбина ва лашкар оростан 319
Разм кардани Баҳроми Чӯбина бо Совашоҳ 323
Куштани Баҳроми Чӯбина ҷодуйро 328
Фиристодани Баҳроми Чӯбина фирӯзномаро бо
сари Совашоҳ назди Ҳурмузд..332
Размi Баҳроми Чӯбина бо Пармуда, писари Совашоҳ ва
гурехтани Пармуда ба Овозадиж 337
Паноҳ хостани Пармуда аз Баҳроми Чӯбина 344
Хостани Баҳроми Чӯбина маншури зинҳории Пармуда аз Ҳурмузд 347
Хашм гирифтани Баҳроми Чӯбина бар Пармуда 350
Омадани хоқон ба наздики Ҳурмуздшоҳ...358
Огоҳӣ ёфтани Ҳурмузд аз норостии Баҳроми Чӯбина ва
паймон бастан бо хоқон 360
Фиристодани Ҳурмузд дукдон ва ҷомаи занон
назди Баҳроми Чӯбина..364
Пӯшидани Баҳроми Чӯбина ҷомаи занон ва худро
дар ҳамон ҷома ба сардорони лашкар намудан 365
Андар дидани Баҳроми Чӯбина бахти худро..367
Гирифтани Баҳроми Чӯбина оини подшоҳӣ 371
Огоҳ додани Харроди Барзин Ҳурмуздро аз кори Баҳроми Чӯбина..........373

www.sattor.com

Сиголиш намудани Баҳром бо сардорон аз подшоҳии худ
ва панд додан ӯро Гурдия хоҳари хеш 378
Сикка задани Баҳром ба номи Хусрави Парвиз...390
Нома навиштани Баҳром назди Ҳурмузд ва гурехтани
Хусрави Парвез аз пеши падар...392
Фиристодани Ҳурмузд Оингушаспро ба ҷанги Баҳром
ва кушта шудани ӯ 397
Кӯр кардани Густаҳм ва Бандуй Ҳурмуздро 404

Подшоҳии Хусрави Парвиз 408
Оғози достон 408
Бар тахт нишастани Хусрав ва пӯзиши падар хостани ӯ 410
Омадани Хусрав пеши падар ва пӯзиш хостан 411
Огоҳ шудани Баҳроми Чӯбина аз кӯр шудани Ҳурмузд
ва лашкар кашидан ба ҷанги Хусрави Парвиз 414
Расидани Хусрави Парвиз бо Баҳроми Чӯбина ба ҳамдигар 420
Бозгаштани Баҳрому Хусрав ва панд додани Гурдия
Баҳромро ва сиголиш кардани Хусрав бо эрониён 442
Панд додани Гурдия бародари худ Баҳромро 443
Рой задани Хусрави Парвиз бо сипаҳдорон ва мӯбадони худ................... 447
Шабехун кардани Баҳроми Чӯбина бар лашкари Хусрав
ва гурехтани Хусрави Парвиз 452
Гурехтани Хусрав ба Рум ва кушта шудани падари ӯ Ҳурмузд 456
Рафтани Хусрав ба Рум 462
Бурдани Баҳроми Сиёвуш Бандӯйро пеши Баҳроми Чӯбина.................... 467
Рой задани эрониён ва Бахром аз баҳри подшоҳӣ ва бар
тахт нишондан ӯро 469

www.sattor.com

АБУЛҚОСИМ
ФИРДАВСӢ

ШОҲНОМА

ҶИЛДИ X

ДУШАНБЕ,
«АДИБ»
2010

www.sattor.com

ББК 83,3(0)9+83,3 (2 тоҷик)
А-19

Таҳияи матн ва луғату тавзеҳот аз
КАМОЛ АЙНӢ** ва **ЗОҲИР АҲРОРӢ

Муҳаррир
Мубашшир Акбарзод

А-19 ***Абулқосим Фирдавсӣ*. Шоҳнома**. — Душанбе: «Адиб», 2010. -416 саҳ.

Ба хонандаи азиз чопи севуми "Шоҳнома"-и безаволи Ҳаким Фирдавсӣ, ки бо кӯшиши таҳиягарони матни он омода гаштааст, пешкаш мегардад. Муҳаққиқон дар ин нашр аз нусхаҳои дигари "Шоҳнома" истифода кардаанд, ки ин арзиши корашонро бештар мекунад.

ISBN 978-99947-32-84-5

© Нашриёти "Адиб", 2010.

www.sattor.com

БАР ТАХТ НИШАСТАНИ БАҲРОМИ ЧӮБИНА

Чу пайдо шуд он чодари қиргун,
Дурахшон шуд ахтар ба чарх-андарун.

Чу овози дорандаи пос хост,
Қалам хост Баҳрому қиртос хост.

Биёмад дабире хирадманду род,
Давоту қалам пеши доно ниҳод.

Бад-ӯ гуфт: «Аҳде зи эрониён
Бибояд набиштан бар ин парниён,

Ки Баҳром шоҳ асту пирӯзбахт,
Сазовори тоҷ асту зебои тахт.

Наҷӯяд ҷуз аз ростӣ дар ҷаҳон,
Чи бар ошкоро, чи андар ниҳон».

Набишта шуду[1] шамъ бардоштанд,
Шаби тира б-андеша бугзоштанд.

Чу пинҳон шуд он чодари ложвард,
Ҷаҳон шуд зи дидори хуршед зард.

Биёмад яке марди пирӯзбахт,
Ниҳод андар айвони Баҳром тахт.[2]

Бари тахти заррин яке зергоҳ,
Ниҳоданду пас баркушоданд роҳ.

Нишаст аз бари гоҳ Баҳромшоҳ,
Ба сар барниҳод он каёнӣ кулоҳ.

---

1. Л – Навишта шуд, он
2. ТПИЛМ– Бируфтанд айвон ба покии* оҷ,
   Биёвехтанд аз бари гоҳ тоҷ.

* ИЛ – покӣ чу

www.sattor.com

Дабираш биёвард аҳди каён,
Набишта бар он пурбаҳо парниён.

Гувоӣ набиштанд яксар меҳон,
Ки Баҳром шуд шаҳрёри ҷаҳон.

Бар он нома чун ном карданд ёд,
Бар ӯ-бар[1] яке мӯҳри заррин ниҳод.

Чунин ҳам бимонод соле ҳазор,
Ки аз тухмаи ман бувад шаҳрёр.

Писар бар писар-бар чунин арҷманд
Бимонод бо тоҷу тахти баланд.

Ба озармаҳ андар буду рӯзи[2] ҳур,
Ки аз шер пардахта шуд пушти гур,[3]

Чунин гуфт аз он пас ба эрониён,
Ки «бархост пархошу кин аз миён.

Касе к-ӯ бад-ин нест ҳамдостон,
Агар кажж бошанд, агар ростон.

Ба Эрон мабошед беш аз се рӯз,
Чаҳорум чу аз чарх гетифурӯз

Барояд, ҳама назди Хусрав шавед,
Бар ин буму бар беш аз ин нағнавед».

На аз дил бар ӯ хонданд офарин,
Ки пардахта аз ту мабодо замин.[4]

Ҳар он кас, ки бо[5] шоҳ пайваста буд,
Бар он подшоҳӣ дилаш хаста буд,

1. Л – Ба сар-бар
2. Л – буд ин рӯз
3. ТПМ – Ситора ба ҷои баланд офтоб
Баромад, в-аз он шуд ҷаҳон чун сароб.
Чу аз сарвбун боғ гардад тиҳӣ,
Бигирад гиё ҷои сарви саҳӣ.
4. ТПМ – Аз он пас ба Эрон чу з-эшон касе
Бимонад, намонад бар ӯ ҷон басе.
5. ИЛ – дар

www.sattor.com

Бирафтанд аз он бум то марзи Рум,
Пароканда гаштанд аз озодбум.[1]

ГУРЕХТАНИ БИНДӮЙ АЗ БАНДИ БАҲРОМ

Ҳаме буд Биндӯй баста чу юз
Ба зиндони Баҳром ҳафтод рӯз.

Нигаҳбони Биндӯй Баҳром буд,
Ки аз банди ӯ нек[2] ноком буд.

Варо низ Биндӯй бифрефтӣ,
Ба банд-андар аз чора нашкефтӣ,

Ки аз шоҳи Эрон машав ноумед,
Агар тирашаб рӯз гардад сафед,

Агарчи шавад бахти ӯ дерсоз,
Шавад бахти Фирӯз бо Хушнавоз.

Ҷаҳонофарин бар тани Кайқубод
Бибахшуду гетӣ бад-ӯ боздод.

Намонад ба Баҳром ҳам тоҷу тахт,
Чӣ андешад ин мардуми некбахт.

Зи деҳқоннажод эч мардум мабод,
Ки хира диҳад хештанро ба бод.

Ба ангушт бишмар кунун[3] то ду моҳ,
Ки аз Рум бинӣ ба Эрон сипоҳ.

Бад-ин тоҷу тахт оташ андарзананд,
Ҳама зевараш бар сараш бишкананд.

Бад-ӯ гуфт Баҳром: «Агар шаҳрёр
Маро дод хоҳад, ба ҷон зинҳор-

Зи панди ту ороиши ҷон кунам,
Ҳама ҳар чӣ гӯӣ ту, фармон кунам.

1. Л – он марзу бум: И – он ҷою бум.
2. Л – бахти ӯ сахт
3. Л – замон

www.sattor.com

Яке сахт савганд хоҳам ба моҳ
Ба Озаргушаспу ба тахту кулоҳ,

Ки гар Хусрав ояд ба ин марзу бум,
Сипоҳ орад аз назди қайсар зи Рум.

Ту хоҳӣ маро з-ӯ ба ҷон зинҳор,
Нагирӣ ту ин кори душхор хор,

К-аз ӯ бар тани ман наёяд газанд,
Нагардад ба гуфтор носудманд».

Бигуфт ину пас дафтари Занд хост,
Ба савганд Биндӯйро банд хост.

Чу Биндӯй бигрифт Устову Занд,
Чунин гуфт, к-«аз кирдгори баланд

Мабинод Биндӯй ҷуз дарду[1] ранҷ,
Мабод эмин андар сарои сипанҷ.

Агар на чу Хусрав биёяд зи ҷой,
Бубинам ман ӯро, нишинам зи пой.

Магар к-ӯ ба назди ту ангуштарӣ
Фиристад ҳамон афсари меҳтарӣ».

Чу бишнид Баҳром савганди ӯй,[2]
Бидид он дили поку[3] пайванди ӯй.[4]

Бад-ӯ гуфт, к-«акнун ҳама рози хеш
Бигӯям, барафрозам овози хеш.

Бисозам яке дом Чӯбинаро,
Ба чора фароз оварам кинаро.

Ба захроби шамшер дар базмгоҳ
Ба кӯшиш тавонам-ш кардан табоҳ.

1. И – банду
2. Л –ӯ,
3. Л –пок,
4. Л –ӯ.

www.sattor.com

Ба дарё зи[1] об-андарун нам намонд,
Ки Чӯбинаро[2] шоҳ боист хонд».

Бад-ӯ гуфт Биндӯй, к-«эй кордон,
Маро зираку ҷалду ҳушёр дон.

Бад-ин зудӣ андар, ҷаҳондор шоҳ
Биёяд, нишинад абар пешгоҳ.

Ту донӣ, ки ман ҳар чӣ гӯям бад-ӯй,
Напечад зи гуфтори ин банда[3] рӯй.

Бихоҳам гуноҳе, ки рафт аз ту пеш,
Бубахшад ба гуфтори ман тоҷи хеш.

Агар худ бар онӣ, ки гӯӣ ҳаме,
Ба дил роҳи каҷжӣ наҷӯӣ ҳаме.

Зи банд ин ду пои ман озод кун,
Нахустин ба[4] Хусрав-бар ин[5] ёд кун.

Кушода шавад з-ин сухан рози ту,
Ба гӯш оядаш равшан овози ту».

Чу бишнид Баҳром, шуд тозарӯй,
Ҳам андар замон банд бардошт аз ӯй.

Чу равшан шуд он чодари мушкранг,
Сапеда бад-ӯ андаровехт чанг.

Ба Биндӯй гуфт: «Ар дилам нашканад,
Чу Чӯбина имрӯз чавгон занад,

Сиголидаам дӯш бо панҷ ёр,
Ки аз тораки ӯ барорам димор.

Зиреҳ хосту пӯшид зери қабой,
Зи даргаҳ ба асп андаровард пой.

---

1. Л – ба
2. Л – Баҳромро
3. Л –ман ҳеҷ
4. Л – зи
5. Л– бад-ин

www.sattor.com

Зане буд Баҳроми Ялро на пок,
Ки Баҳромро хостӣ зери хок.

Ба дил дӯсти Баҳроми Чӯбина буд,
Ки аз шӯй ҷонаш пур аз кина буд.

Фиристод наздики Баҳром кас,
Ки танро нигаҳ дору фарёд рас,

Ки Баҳром пӯшид пинҳон зиреҳ,
Барафканд банди зиреҳро гиреҳ.

Надонам, ки дар дил чӣ дорад зи бад,
Ту з-ӯ хештан дур дорӣ, сазад».

Чу бишнид Чӯбина гуфтори зан,
Ки бо ӯ ҳаме гуфт чавгон мазан.

Ҳар он кас, ки рафта ба майдони ӯй,
Чу наздик гаштӣ ба чавгоии ӯй,

Задӣ[1] даст бар пушти ӯ нарм-нарм,
Сухан гуфтани хубу овози[2] гарм.

Чунин то ба пури Сиёвуш расид,
Зиреҳ бар бараш ошкоро бидид.

Бад-ӯ гуфт, к-«эй, камтар аз моргаз,[3]
Ба майдон кӣ пӯшад зиреҳ зери хаз?![4]

Бигуфт ину шамшери кин баркашид,
Саропои ӯ пок дарҳам дарид.

Ба шаҳр-андарун огаҳӣ фош гашт,
Ки Баҳром кушта шуду даргузашт.[5]

Чу Биндӯй аз он куштан огоҳ шуд,
Бар ӯ тобиши рӯз кӯтоҳ шуд.

---

1. Л – Бизад
2. Л – овои
3. Л – гуфт: Эй тез аз хори газ: И – хоки кӯй.
4. И – Кӣ пӯшад зиреҳ рӯзи чавгону гӯй?!
5. ИЛ –б. 959 нест.

www.sattor.com

Бипӯшид пас ҷавшану барнишаст,
Миёни ялӣ ларз-ларзон бубаст.

Або ҳар кӣ пайванди Баҳром буд,
Касе, к-аш ба Биндӯй ором буд,[1]

Гирифт ӯ аз он шаҳр роҳи гурез
Бад-он, то набинанд аз ӯ растахез.

Ба манзил расиданду бифзуд хел,
Гирифтанд тозон раҳи Ардабил.

Зи майдон чу Баҳром берун кашид,
Ҳаме доман аз хашм дар хун кашид.

Аз он пас бифармуд Маҳрӯйро,
Ки бошад нигаҳдор Биндӯйро.

Ба Баҳром гуфтанд, к-«эй шаҳрёр,
Дилатро ба Биндӯй ранҷа мадор,

Ки ӯ чун аз ин куштан огоҳ шуд,
Ҳамоно, ки бо бод ҳамроҳ шуд.[2]

Пушаймон шуд аз куштани ёри хеш,
К-аз он тира донист бозори хеш.[3]

Чунин гуфт, к-«он кас, ки душман зи дӯст
Надонад, мабодо варо мағзу пӯст.

Яке хуфта бар теғи дандони пил,
Дигар эмин аз мавҷи дарёи Нил.

Дигар он ки бар подшо шуд далер,
Чаҳорум, ки бигрифт бозуи шер.

Бубахшой бар ҷони ин ҳар чаҳор,
К-аз эшон бупечад сари рӯзгор.

1. ИЛ–б. 962 нест.
2. ТПЗ – Бидонист, к-он кори Биндуй буд,
Ки Баҳром шуд кушта з-он чора зуд.
3. ИЛ – ҳар ки

www.sattor.com

Дигар он ки ҷунбонад ӯ кӯҳро,
Бад-он ёр гар хоҳад анбӯҳро.

Тани хештанро бад-он ранҷа дошт
В-аз он ранҷи тан бод дар панҷа дошт.

Ба киштии вайрон гузаштан бар об
Беҳ ояд, ки дар кор кардан шитоб.

В-агар чашма хоҳӣ, ки бинӣ ба чашм,
Шавӣ хираву[1] бозгардӣ ба хашм.

Касеро куҷо кӯр буд раҳнамун,
Бимонад ба роҳи дароз-андарун.

Ҳар он кас, ки гирад ба даст аждаҳо,
Шуд ӯ куштаву аждаҳо шуд раҳо.

В-агар озмунро касе хӯрд заҳр,
Аз он хӯрданаш дарду марг аст[2] баҳр.

Накуштем Биндӯйро аз нахуст,
Зи дастам раҳо шуд, дари чора ҷуст.

Бар ин кардаи хеш бояд гирист,
Бубинем, то ройи Яздон ба чист.

В-аз он рӯй Биндӯю андак сипоҳ
Чу боди дамон баргирифтанд роҳ.

Ҳаме бурд ҳар кас, ки буд бурданӣ,
Ба роҳе, ки Мӯсил буд Арманӣ.

Биёбони беобу роҳу дада,
Саропардае дид ҷое зада.

Нигаҳ карду Мӯсил, дид Арманӣ,
Ҳам оби равон диду ҳам хӯрданӣ.

1. Л – хира з-ӯ,
2. И – дарди сар гашт

www.sattor.com

Ҷаҳонҷӯй Биндӯй танҳо[1] бирафт,
Бад-он марғзорон[2] шитобид тафт.

Чу Мӯсилро дид, бурдаш намоз,
Бигуфт ин суханҳо, ки будаш ба роз.

Бад-ӯ гуфт Мӯсил: «Аз эдар марав,
Ки огоҳӣ ояд туро нав ба нав,

Ки дар[3] Руми обод Хусрав чӣ кард,
Ҳаме оштӣ нав кунад, ё набард».

Чу бишнид Биндӯй, аз он ҷо бимонд
В-аз он дашт ёрони худро бихонд.

РАФТАНИ ХУСРАВ СӮИ РУМ БА РОҲИ БИЁБОН ВА ОГОҲӢ ДОДАНИ РОҲИБ АЗ КОРИ ОЯНДА

Ҳаме тохт Хусрав ба пеш-андарун,
На обу гиё буду на раҳнамун.[4]

Инонро бад-он бора карда яла,
Ҳаме ронд ноком то Боҳала.

Пазира шудандаш бузургони шаҳр,
Касеро, ки[5] аз мардумӣ буд баҳр.

Чу Хусрав ба наздики эшон расид,
Бад-он шаҳр лашкар фуруд оварид.

Ҳамон чун фуруд омад, андар замон
Наванде аз Эрон биёмад дамон.

1. И – пинҳон
2. И – Сӯи марғзоре: Л – сабза андар
3. Л – бо
4. ТПМ – Зи кирдори Хусрав бигӯям кунун,
Бад-он гаҳ ки бугрехт аз Тайсафун.
Ҳама лашкари ӯ ягону дугон
Гирифтанд ҳар як ба ҷое макон.
Або мардуми хеш шуд сӯи Рум,
Ба роҳи биёбону он хушкбум.
Чу Хусрав ба назди биёбон расид,
Ҳаме тохт рухсора чун шанбалид.
5. Л – Ҳар он кас, к-аш

www.sattor.com

Зи Баҳроми Чӯбин яке нома дошт,
Ҳам он нома пӯшида дар ҷома дошт.

Набишта сӯи меҳтари Боҳала,
Ки гар лашкар ояд, макуншон яла.

Сипоҳи ман инак пас-андар дамон
Ба шаҳри ту ояд замон то замон.

1000 Чу меҳтар бар он гуна-бар нома дид,
Ҳам андар замон пеши Хусрав давид.

Чу Хусрав нигаҳ карду нома бихонд,
Зи кори ҷаҳон дар шигифтӣ бимонд.

Битарсид, к-ояд паси ӯ сипоҳ,
Бад-он мондагӣ тангдил гашт шоҳ.

Миёни каӣ тохтанро бубаст.
Аз он шаҳр ҳам дарзамон барнишаст,

Ҳаме тохт то пеши оби Фурот,
Надид андар он подшоҳӣ набот.[1]

1005 Шуда гурсуна марди пиру ҷавон,
Яке беша диданду оби равон.[2]

Падид омад андар замон корвон,
Шутур буду пеш-андарун сорвон.

Чу марди ҷавон рӯи Хусрав бидид,
Бар он номдор офарин густарид.

Бад-ӯ гуфт Хусрав, ки «номи ту чист,
Куҷо рафт хоҳиву коми ту чист?»

1. Л – субот.
2. ТПИЛМ – Чу Хусрав бад-он ҷойгаҳ, беша дид,*
Сипаҳро бад-он сабза андаркашид.
Шуда гурсуна мард ноҳору суст,
Камонро ба зеҳ карду нахчир ҷуст.
Надиданд чизе ба ҷое давон,
Дарахту гиё буду оби равон.

* И – Танҳо б. 1 мавҷуд аст.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт: «Ман Қайс бин Ҳорисам,
Аз озодагони араб ворисам.

Зи Миср омадам бо яке корвон,
Бар ин корвон-бар манам сорвон.

Бар оби Фурот аст бунгоҳи ман,
В-аз он ҷо бад-ин беша буд роҳи ман».

Бад-ӯ гуфт Хусрав, ки «аз хӯрданӣ
Чӣ дорӣ, ҳам[1] аз чизи густурданӣ,

Ки мо мондагонему ҳам гурсуна,
На тӯшаст бо мо,[2] на бору буна».

Бад-ӯ гуфт тозӣ, ки «эдар биист,
Маро бо ту чизу тану ҷон якест».

Чу бар шоҳ тозӣ бигустурд меҳр,
Биёвард фарбеҳ яке модасеҳр.

Бикуштанду оташ барафрӯхтанд,
Бар ӯ хушк ҳезум ҳаме сӯхтанд.

Бар оташ барафканд тозӣ кабоб
Ба хӯрдан гирифтанд ёрон шитоб.

Бихӯрданд бенон фаровон кабоб,
Биёрост ҳар меҳтаре ҷои хоб.

Замоне бихуфтанду бархостанд,
Яке офарине нав оростанд.

Бар он додгар, к-ӯ ҷаҳон офарид,
Тавоноиву нотавон офарид.

Аз он пас ба ёрон чунин гуфт шоҳ,
Ки «ҳар кас, ки ӯ беш дорад гуноҳ,

Ба назди ман он кас гиромитар аст,
В-аз ин кеҳтарон низ номитар аст.

1. Л – дориву
2. Л – моро,

www.sattor.com

Дар он кас куҷо беш кард аз бадӣ,
Бигашт аз ману аз раҳи эзадӣ,

Ба мо беш бояд, ки дорад умед,
Саросар ба некӣ диҳедаш навид».

Гирифтанд ёрон бар ӯ офарин,
Ки «эй покдил Хусрави покдин,

Ҳамеша туро бод Яздон паноҳ,
Мабодо тиҳӣ аз ту тахту кулоҳ»![1]

Бипурсид аз ин марди тозӣ, ки «роҳ
Кадом асту ман чун шавам бо сипоҳ?»

Бад-ӯ гуфт: «Ҳафтод фарсанг беш
Шуморо биёбону кӯҳ аст пеш.

Чу дастур бошад маро гӯшту об,
Ба роҳ оварам, гар насозӣ шитоб».

Бад-ӯ гуфт Хусрав: «Ҷуз ин нест рой,
Ки бо тӯша бошему бо раҳнамой».

Ҳаюне барафканд тозӣ ба роҳ,
Бад-он то барад роҳ пеши сипоҳ.

Ҳаме тохт андар биёбону кӯҳ,
Пур аз[2] ранҷу тимор бо он[3] гурӯҳ.

Яке корвон низ дигар ба роҳ
Падид омад аз дур пеши сипоҳ.

Яке марди бозоргон моядор
Биёмад ҳамон гаҳ бари шаҳрёр.

---

1. ТПЗИ – Туро бод равшан дилу шод бахт,
Диҳад Эзади додгар боз тахт.
Туро дод Эзад чунин фарру чеҳр,
Ки афзун-ст бар ҳар яке доду меҳр.
Туӣ дар ҷаҳон мояи бихрадӣ,
Ки некӣ расонӣ ба ҷои бадӣ.
Чу шуд з-офарин низ он шоҳ шод,
Ба дил омад андешаи роҳ ёд.
2. Л –Бад-он
3. Л –ин

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Аз куҷоӣ, бигӯй:
Куҷо рафт хоҳӣ чунин пӯй-пӯй?»

Бад-ӯ гуфт: «Аз харраи Ардашер,
Яке марди бозоргонам дабир».

Бад-ӯ гуфт: «Номат чи кард, он ки зод?»
Чунин дод посух, ки «Меҳронситод».

Аз ӯ тӯша ҷуст он замон шаҳрёр,
Бад-ӯ гуфт солор, к-«эй номдор,

Хуриш ҳаст чандон, ки андоза нест,
Агар чеҳри бозоргон тоза нест».[1]

Бад-ӯ гуфт Хусрав, ки «меҳмон ба роҳ
Биёбӣ, фузунтар бувад дастгоҳ».

Сари бор букшод бозоргон,
Дирамгон беҳ ояд зи диноргон.

Хуриш бурду биншаст худ бар замин,
Ҳаме хонд бар шаҳрёр офарин.

Чу нон хӯрда шуд, марди меҳмонпараст
Биёмад, гирифт обдастон ба даст.

Чу аз дур Харроди Барзин бидид,
Зи ҷое ки буд, пеши Хусрав давид.

Зи бозоргон бистад он оби гарм,
Бад-он, то надорад ҷаҳонҷӯй шарм.

Пас он марди бозоргон пуршитоб
Май овард бар сони равшан гулоб.

Дигарбора Харроди Барзин зи роҳ
Аз ӯ бистад он ҷому шуд пеши шоҳ.

Парастиш парастандаро дошт суд,
Бар он бартарӣ бартариҳо фузуд.

1. ТПМ – Бад-ӯ гуфт бозоргон он замон:
«Ҳам он ч-ам бувад, пешат орам дамон».

www.sattor.com

В-аз он пас ба бозоргон гуфт шоҳ,
Ки «акнун сипаҳро кадом аст роҳ?»

Чу бозоргон роҳ бинмудашон,
Бипурсид Хусрав зи ному нишон.[1]

«Нишасти ту дар харраи Ардашер
Куҷо бошад, эй марди меҳмонпазир?»

Бад-ӯ гуфт к-«эй шоҳ, бедор зӣ,
Зи бозоргонон манам Коразӣ.[2]

Бифармуд, то номи барнову деҳ
Нависад нависандаи рӯзбеҳ.

Ба бозоргон гуфт: «Падруд бош,
Хирад тору ту ҷовидон[3] пуд бош!»

ОМАДАНИ ХУСРАВ БА БУМИ РУМ

Чу бугзашт лашкар аз он тозабум,
Ба тундӣ ҳаме ронд то марзи Рум.

Чунин то биёмад бад-он шорсон,
Ки қайсар варо хондӣ корсон.

Чу аз дур тарсо бидид ин сипоҳ,
Бирафтанд пӯён ба бероҳу роҳ.

Бад-он бора-андар кашиданд рахт,
Дари шорсонро бубастанд сахт.

Фурӯ монд аз он шоҳи гетифурӯз,
Ба берун бимонд ӯву лашкар се рӯз.

Фиристод рӯзи чаҳорум касе,
Ки наздики мо нест лашкар басе.[4]

1. ИЛ –б. 1050 нест.
2. ТП – Нишонаш якояк ба Хусрав бигуфт,
Ҳама розҳо баркушод аз нуҳуфт.
3. Л – Хирадро ба дил тору ҳам
4. ТПМ - Ба наздики ин шаҳр танг омадем,
Валекин на аз баҳри ҷанг омадем.

www.sattor.com

Хуришҳо фиристеду ёрӣ кунед,
На бар мо ҳаме комгорӣ кунед.

Ба наздики эшон сухан хор буд,
Сипоҳаш ҳама сусту ноҳор буд.

Ҳамон гаҳ баромад яке тираабр,
Биғуррид бар сони ҷангӣ ҳизабр.

В-аз он абр бар шорсон бод хост,
Зи ҳар барзане бонгу фарёд хост.

Чу ниме зи тирашаб андаркашид,
Зи бора яке баҳра шуд нопадид.

Ҳама шорсон монд андар шигифт,
Ба Яздон[1] суҷуф пӯзиш андаргирифт.

Ба ҳар барзане дар алаф сохтанд,
Се пири[2] сакубо бурун тохтанд.

Зи чизе, ки буд андар он тозабум,
Ҳамон ҷомҳое, ки хезад зи Рум,

Бибурданд боло ба наздики шоҳ,
Ки пайдо шуд, эй шоҳ, бар мо гуноҳ.

Чу Хусрав ҷавон буду бартарманиш,
Бад-эшон накард аз бадӣ сарзаниш.

Бад-он шорсон-дар яке кох буд,
Ки болош бо абр густох буд.

Фаровон бад-ӯ-андарун барда буд,
Ҳам он ҷои қайсар бароварда буд.

Зи дашт андаромад, бад-он ҷо гузашт,
Фаровон дар он шорсон-дар бигашт,

Ҳама румиён офарин ханданд,
Ба пой-андараш гавҳар афшонданд.

1. И – Бидид он
2. И – пури

www.sattor.com

Чу обод ҷое ба чанг омадаш,
Баросуду чанде диранг омадаш.

Ба қайсар яке нома бинвишт шоҳ
Аз он боду борону абри сиёҳ,

В-аз он шорсон сӯи Монӯй ронд,
Ки онро ҷаҳондида Минӯй хонд.

Зи монувиён ҳар ки бедор буд,
Хирадманду роду ҷаҳондор буд.

Сакубову руҳбон сӯи шаҳрёр
Бирафтанд бо ҳадяву бо нисор.

Ҳамерафт бо шоҳ чанде сухан
Зи борону он шорсони куҳан.

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки мо бандаем,
Ба гуфтори Хусрав сар афкандаем.

БОЗГУФТАНИ РОҲИБ БУДАНИРО БА ХУСРАВИ ПАРВИЗ

Бибуд андар он шаҳр Хусрав се рӯз,
Чаҳорум чу бифрӯхт[1] гетифурӯз,

Ба абр андаровард бурранда теғ,
Ҷаҳонҷӯй шуд рӯи[2] роҳи Вареғ,

Ки Авреғ буд номи он шорсон,
Бад-ӯ-дар чалипову беморсон.

Ба бероҳ пайдо яке дайр буд,
Ҷаҳонҷӯй[3] овози роҳиб шунуд.

Ба наздики дайр омад, овоз дод,
Ки «кирдори ту ҷуз парастиш мабод.[4]

1. Л – хуршеди
2. Л – сӯи
3. Л – Ҷаҳондор
4. ТПЗ – Бигуфтанд, к-ин ҷо бувад марди пир,
Зи соли фаровон шуда чун зарир.

www.sattor.com

Гар аз дайри дерина ой фуруд,
Зи некидиҳиш бод бар ту дуруд!»

Ҳамон гоҳ роҳиб чу ово шунид,
Фуруд омад аз дайру ӯро бидид.

Парастанда чун дид, бурдаш намоз,
Сухан гуфт бо ӯ замоне дароз.

Бад-ӯ гуфт: «Хусрав, туӣ бегумон,
Зи тахти падар гашта ношодмон!

Зи дасти яке бадкуниш бандае,
Палиду манифаш парастандае».

Чу гуфтори роҳиб беандоза гашт,
Дили Хусрав аз меҳри ӯ тоза гашт.

Зи гуфтори ӯ дар шигифтӣ бимонд,
Бар ӯ-бар ҷаҳонофаринро бихонд.

Зи пушти самандаш биёзид даст
Ба пурсидани марди яздонпараст.

Яке озмунро бад-ӯ гуфт шоҳ,
Ки «ман кеҳтареям зи эронсипоҳ.

Паёме ҳаме назди қайсар барам,
Чу посух диҳад, назди меҳтар барам.

Гар ин рафтани ман ҳумоюн бувад,
Нигаҳ кун, ки фарҷоми ман чун бувад».

Бад-ӯ гуфт роҳиб, ки «чунин магӯй,
Ту шоҳӣ, макун хештан шоҳҷӯй.

Чу дидам-т, гуфтам саросар сухун,
Маро ҳар замон озмоиш макун.

Ба кори ситора шиносост мард,
Бар ӯ нест пӯшида аз коркард.
Ҳамон ҳар чӣ гӯяд, бибошад ҳамон,
Чу гуфтори ӯро набошад гумон.
Сӯи дар шуд он гоҳ, овоз дод,
Ки кирдори ту ҷуз парастиш мабод!

www.sattor.com

Набояд[1] дурӯғ эч дар дини ту,
На кажжӣ бувад роҳу оини ту.

Басе ранҷ бурдиву овехтӣ,
Саранҷом аз он банда бугрехтӣ».

Зи гуфтори ӯ монд Хусрав шигифт,
Чу шарм омадаш, пӯзиш андаргирифт.

Бад-ӯ гуфт роҳиб, ки «пӯзиш макун,
Бипурс[2] аз ман аз буданиҳо сухун.

Бад-ин омадан шоду густох бош,
Ҷаҳонро яке борвар шох бош,

Ки Яздон туро бениёзӣ диҳад,
Баланд ахтару сарфарозӣ диҳад.

Зи қайсар биёбӣ силеҳу сипоҳ,
Яке духтаре аз дари тоҷу гоҳ.

Чу бо бандагон корзорат бувад,
Ҷаҳондори бедор ёрат бувад.

Саранҷом бугрезад он баднажод,
Фаровон кунад рӯзи некиш ёд.

В-аз он размҷое фитад дурдаст,
Бисозад бар он ҷой ҷои нишаст.

Чу дурӣ гузинад зи паймони ту,
Бирезанд хунаш ба фармони ту».

Бад-ӯ гуфт Хусрав: «Ҷуз ин худ мабод,
Ки кардӣ ту, эй пири донанда, ёд.

Чӣ гӯӣ, дар ин чанд бошад диранг,
Ки ояд маро подшоҳӣ ба чанг?»

Чунин дод посух, ки «даҳ бо ду моҳ
Бад-ин бугзарад, боз ёбӣ кулоҳ.[3]

1. Л – Наёяд
2. Л – Шунав
3. Л – ту гоҳ.

www.sattor.com

Дигар[1] бар сар ояд даҳу панҷ рӯз,
Ту гардӣ шаҳаншоҳи гетифурӯз».

Бипурсид Хусрав, к-«аз ин анҷуман
Кӣ кӯшад ба ранҷу ба озори[2] ман?»

Чунин дод посух, ки «Бастом ном
Яке пурманиш бошаду шодком,

Ки хонӣ ту он мардро холи хеш,
Бар ӯ тоза донӣ маҳу соли хеш.

Бипарҳез аз он марди носудманд,
Ки хезад аз ӯ дарду ранҷу газанд».

Барошуфт Хусрав ба Густаҳм гуфт,
Ки «роҳиб сухан баркушод аз нуҳуфт.

Туро модарат ном Бастом кард,
Ту гӯӣ, ки Густаҳм андар набард».

Ба роҳиб чунин гуфт, к-«ин аст ҳол,
Ба хун буд бо модари ман ҳамол».

Бад-ӯ гуфт роҳиб, ки «оре, ҳамин,[3]
Зи Густаҳм бинӣ ҳама ранҷу кин».

Бад-ӯ гуфт Хусрав, ки «эй ройзан,
Аз он пас чӣ гӯӣ, чӣ хоҳад будан?»

Чунин гуфт роҳиб, ки «м-андеш аз ин,
К-аз он пас набинӣ ба ҷуз офарин.

Наёяд ба рӯи ту ҳаргиз бадӣ,
Магар сахт коре бувад эзадӣ.

Барошӯбад ин саркаш ороми ту,
В-аз он пас набошад ба ҷуз[4] коми ту.

1. ИЛ – Агар
2. ИЛ – тимори
3. Л – чунин,
4. Л – ҷуз аз

www.sattor.com

Агарчанд[1] баргардад ин бадгумон,
Ҳамонаш ба дасти ту бошад[2] замон».

Бад-ӯ гуфт Густаҳм, к-«эй шаҳрёр,
Дилатро бад-ин ҳеҷ ранҷа мадор.

Ба покиза Яздон, ки моҳ офарид,
Ҷаҳонро ба сони ту шоҳ офарид,

Ба Озаргушаспу ба хуршеду моҳ,
Ба ҷону сари номбардор шоҳ,

Ки то ҳаст, Густаҳм ҷуз ростӣ
Начӯяд, накӯбад дари костӣ.

В-агар бар ҷуз ин рӯй Густаҳм рой
Бупечад, равонаш мабодо ба ҷой!

Ҷаҳондор то ин ҷаҳон офарид,
Калиди дари рози ӯ кас надид.

Ба гуфтори тарсо чаро[3] биграви,
Сухан гуфтани носазо бишнавӣ?!

Маро эминӣ деҳ зи гуфтори ӯй,
Чу савганд хӯрдам, баҳона маҷӯй».

Чунин гуфт Хусрав, ки «эй тарсгор,[4]
Набояд сухан гуфтани нобакор.

Зи ту низ ҳаргиз надидам бадӣ,
Наёзӣ ба кажживу нобихрадӣ.

Валекин зи кори сипеҳри баланд
Набошад шигифт, ар шавӣ пургазанд.

Чу боиста коре бувад эзадӣ,
Ба як сӯ равад донишу бихрадӣ».

1. Л – В-агар чанд
2. Л – ояд
3. Л – ин соҳир ар
4. Л – аз тарскор,

www.sattor.com

Ба роҳиб чунин гуфт пас шаҳрёр,
Ки шодобдил бошу беҳрӯзгор.

В-аз он дайр чун барқи рахшон зи меғ
Биёмад сӯи шорсони Вареғ.

Пазира шудандаш бузургони шаҳр,
Касеро, ки аз мардумӣ буд баҳр.

НОМА ФИРИСТОДАНИ ХУСРАВИ ПАРВИЗ БА ҚАЙСАРИ РУМ

Чу омад бад-он шорсон шаҳрёр,
Савор омад аз қайсари номдор.

Ки чизе к-аз ин марз хоҳӣ, бихоҳ,
Мадор орзуро зи[1] шоҳон нигоҳ,

Ки ҳарчанд ин подшоҳӣ марост,
Туро бо тани хеш дорем рост.

Бад-он шорсон эмину шод бош,
Зи ҳар бад, ки андешӣ, озод бош.

Ҳама Рум яксар туро кеҳтаранд,
Агарчанд гарданкашу меҳтаранд.

Туро то насозам силеҳу сипоҳ,
Наҷӯям хуру хобу оромгоҳ.

Чу бишнид Хусрав, аз он шод гашт,
Равонаш зи андеша озод гашт.

Бифармуд Густаҳму Болуйро,
Ҳамон Андиёни ҷаҳонҷӯйро,

Ба Харроди Барзину Шопури шер,
Чунин гуфт пас шаҳрёри далер,

Ки аспон чу равшан шавад, зин кунед,
Ба болой-бар[2] зини заррин кунед.

1. Л – Бидор арзу оини
2. Л – болош-бар

www.sattor.com

Бипӯшед зарбафти чиниқабой,
Ҳама якдилонеду покизарой,

Аз ин шорсон назди қайсар шавед,
Бигӯеду гуфтори ӯ бишнавед.

Хирадманд бошеду равшанравон,
Нињшандаву чарбу ширинзабон.

Гар эдун, ки қайсар ба майдон шавад,
Камон хоҳаду гар ба чавгон шавад,

Бикӯшед бо марди қайсарпараст
Бад-ин, то шуморо наёяд шикаст.

Саворӣ бидонад, к-аз Эрон баранд,
Далериву нерӯи шерон баранд.

Ба Харроди Барзин бифармуд шоҳ,
Ки чиниҳарир ору мушки сиёҳ.

Ба қайсар яке нома бояд набишт
Чу хуршеди тобон ба ҳуррамбиҳишт.

Суханҳои кӯтоҳу маънӣ басе,
Ки он ёд гирад дили ҳар касе.

Ки наздики ӯ файласуфон буванд,
Бад-он кӯш, то ёфае нашнаванд.[1]

Ҳаме достонро сухан парваранд,
Набояд, ки бар нома айб оваранд.

Чу нома бихонад, забон баркушой,
Ба гуфтор бо ту надоранд пой.

Ба Болуй гуфт: «Он чи қайсар зи ман
Кушояд забон бар сари анҷуман,

Зи паймону савганду пайванду аҳд
Ту андар сухан посухаш кун[2] чу шаҳд.

1. Л – тофта бишнаванд.
2. Л – деҳ

www.sattor.com

Бад-он анҷуман ту забони манӣ,
Ба ҳар неку бад тарҷумони манӣ.

Ба чизе ки бар мо наёяд шикаст,
Бикӯшеду[1] бо он бисоед[2] даст.

Ту паймонҳо аз ман андарпазир,
Сухан ҳар чӣ гуфтам, ҳама ёд гир».

Шуниданд гуфтори фаррух ҷавон
Ҷаҳондида гурдони равшанравон.

Ҳаме хонданд офарин сарбасар,
Ки ҷуз ту мабодо касе тоҷвар!

Ба наздики қайсар ниҳоданд рӯй,
Бузургони равшандилу[3] роҳҷуй.

Чу бишнид қайсар, к-аз Эрон меҳон,
Фиристодаи шаҳрёри ҷаҳон-

Расиданд наздики айвон ба роҳ,
Пазира фиристод чанде сипоҳ.

Биёрост кохе ба дебои Рум
Ҳама пайкараш гавҳару зарр[4] бум.

Нишаст аз бари номвар тахти оҷ,
Ба сар барниҳод он фурӯзанда[5] тоҷ.

Бифармуд, то парда бардоштанд,
Зи даҳлезашон тез[6] бугзоштанд.

Гаронмоя Густаҳм буд пешрав,
Паси ӯ чу Болӯю Шопури гав.

Чу Харроди Барзину гурд Андиён,
Ҳама тоҷ бар сар, камар бар миён-

1. Л – Бикӯшему
2. Л – насоем
3. Л – равшандили
4. Л –зар-ш
5. ИЛ – дилафрӯз
6. ИЛ – шод

www.sattor.com

Расиданд наздики қайсар фароз,
Чу диданд, бурданд пешаш намоз.

Ҳама як забон офарин хонданд,
Бари тахти зар гавҳар афшонданд.

Нахустин бипурсид кайсар зи шоҳ,
Зи Эрону аз лашкару ранҷи роҳ.

Чу бишнид, Харроди Барзин бирафт
Бари тахт бо номаи шоҳ тафт.

Ба фармони он номвар шаҳрёр
Ниҳоданд курсии заррин чаҳор.

Нишаст он се пурмояи некрой,
Ҳаме буд Харроди Барзин ба пой.

Бад-ӯ гуфт қайсар, ки «бар зергоҳ
Нишинад касе, к-ӯ бипаймуд роҳ».

Чунин гуфт Харроди Барзин, ки «шоҳ
Маро дар бузургӣ надодаст роҳ,

Ки дар пеши қайсар биёрам нишаст
Чунин номаи шоҳи Эрон ба даст.

Магар бандагиро писанд оямат,
Ба пайғоми ӯ судманд оямат».

Бад-ӯ гуфт қайсар, ки «букшой роз,
Чӣ гуфт он хирадманди гарданфароз?»

Чу Харроди Барзин забон баркушод,
Ҳаме дошт қайсар суханҳо ба ёд.

Нахуст офарин бар ҷаҳондор кард,
Ҷаҳонро бад-он офарин хор кард,

Ки «ӯяст бартар зи ҳар бартаре,
Тавонову донанда аз ҳар даре.[1]

---

1. ТПЗЛ – Аз ӯ гашт пайдо шумори сипеҳр,
Ки моро равону хирад доду меҳр.

www.sattor.com

Ба фармони ӯ гардад ин осмон,
Ки ӯ бартар аст аз макону замон.

Сипеҳру ситора ҳама кардаанд.[1]
Бар ин чархи гардон баровардаанд.[2]

Чу аз хок ҳар ҷонвар зинда кард,
Нахустин Каюмарсро банда кард.

Чунин то ба шоҳ Офаридун расид,
Аз он сарфарозон варо баргузид.

Падид омад ин тухма андар ҷаҳон,
Бибуд ошкор, ончи буди ниҳон.

Ҳаме з-ӯ чунин то сари Кайқубод,
Ки тоҷи бузурги ба сар барниҳод.

Наёмад бад-ин дуда ҳаргиз бади,
Нигаҳ доштанди раҳи эзади.

Кунун бандае носазовори паст
Биёмад, ба тахти каён барнишаст.

Ҳаме дод хоҳам зи бедодгар,
На афсар, на тахту кулоҳу камар.

Ҳар он кас, ки ӯ барнишинад ба тахт,
Хирад бояду[3] номдориву бахт.

Шиносад, ки ин тахту ин фарраҳи
Киро буду дайҳими шоҳаншаҳи.

Маро андар ин кор ёри кунед,
Бар ин бевафо комгори кунед,

Ки пӯянда гаштем гирди ҷаҳон,
Ба шарм омадем аз кеҳону меҳон».

Чу қайсар бар он сон суханҳо шунид,
Ба рухсора шуд чун гули шанбалид.

1. Л – бандаанд,
2. Л – Ҳама бандаи офаринандаанд.
3. Л –дораду

www.sattor.com

Гули шанбалидаш пур аз жола гашт,
Забону равонаш пур аз нола гашт.

Чу он нома бархонд, бифзуд дард,
Шуд он тахт бар чашми ӯ ложвард.

Ба Харроди Барзин ҷаҳондор гуфт,
Ки «ин нест бар марди доно нуҳуфт.

Маро Хусрав аз хешу пайванд беш,
Зи ҷони сухангӯй дорам-ш пеш.

Силеҳ асту ҳам ганҷу ҳам лашкар аст,
Шуморо бубин, то чӣ андарх(в)ар аст.

Агар дида хоҳӣ[1], надорам дареғ,
Ки дида беҳ аз ганҷи динору теғ».

ПОСУХИ НОМАИ ХУСРАВ АЗ ҚАЙСАР

Дабири ҷаҳондидаро пеш хонд,
Бар он пешгоҳи бузургӣ нишонд.

Бифармуд, то нома посух навишт,
Биёрост чун марғзори биҳишт.

Зи бас панду пайванду неку сухан-
Аз он рӯз то рӯзгори куҳан.

Чу гашт аз навиштан нависанда сер,
Нигаҳ кард қайсар саворе далер,

Сухангӯву равшандилу ёдгир,
Хирадманду донову гурду дабир.

Бад-ӯ гуфт: «Рав, пеши Хусрав бигӯй,
Ки, эй шоҳи бинодилу роҳҷӯй![2]

Маро ҳам силеҳ асту ҳам марду ганҷ,
Наёвард бояд касеро ба ранҷ.

1. Л – хоҳад,
2. Л – бинодили тозарӯй!

www.sattor.com

В-агар нестимон зи ҳар кишваре,
Дирам хостеме зи ҳар меҳтаре.

Бад-он то ту аз Рум бо коми хеш[1]
Ба Эрон хиромӣ[2] ба ороми хеш.[3]

Мабош андар ин бум тираравон,
Ки ин аст кирдори чархи равон,

Ки гоҳе паноҳ асту гоҳе газанд.
Гаҳе нозу нӯш асту гоҳе каманд.[4]

1225 Кунун то силеҳу сипоҳу дирам
Фароз оварам, ту мабошӣ дижам».

Бари Хусрав омад фиристода мард,
Суханҳои қайсар ҳама ёд кард.

НОМАИ ҚАЙСАР БА ХУСРАВ ВА ПАҲЛӮ ТИҲӢ КАРДАН АЗ ЁРИИ Ӯ ВА ПОСУХИ ОН АЗ ХУСРАВ

Зи бегона қайсар бипардохт ҷой,
Пурандеша биншаст бо раҳнамой.

Ба мӯбад чунин гуфт, к-«ин додхоҳ
Зи гетӣ гирифтаст моро паноҳ.

Чӣ созем, то ӯ банерӯ шавад
В-аз он нанги кеҳтар[5] беоҳу шавад?»

1230 Ба қайсар чунин гуфт пас раҳнамой
Ки «аз файласуфони покизарой,

Бибояд тане чанд бедордил,
Ки банданд бо мо дар ин кор дил».

Фиристод кас қайсари номдор,
Бирафтанд аз он файласуфон чаҳор.

1. Л – дил
2. Л – гузаштӣ
3. Л –дил.
4. Л – бо зиёнему гаҳ судманд.
5. Л – тангдастӣ

www.sattor.com

Ҷавонону пирони руминажод
Суханҳои дерина карданд ёд,

Ки мо то Сикандар бишуд з-ин ҷаҳон,
Аз эрониёнем хаста ниҳон.

Зи бас ғорату ҷангу овехтан,
Ҳам он бегунаҳ хира хун рехтан.

Кунун пок Яздон зи кирдори бад
Ба пеш андаровардшон кори бад.

Яке хомушӣ баргузин з-ин[1] миён,
Чу шуд кундрав бахти Сосониён.

Агар Хусрав он хусравонӣ кулоҳ
Ба даст оварад, сар барорад ба моҳ.

Ҳам андар замон бож хоҳад зи Рум,
Ба пай андарорад ҳама марзу бум.

Кунун гар хӯрад[2] бо хирад, ёд дор,
Суханҳои эрониён бод дор».

Аз эшон чу бишнид қайсар сухун,
Яке дигар андеша афканд бун.

Саворе фиристод наздики шоҳ,
Яке нома бинвишту бинмуд[3] роҳ-

Зи гуфтори бедор[4] донандагон,
Суханҳои дерина хонандагон.

Чу омад ба наздики Хусрав савор,
Бигуфт, ончи бишнид аз он[5] номдор.

1. Л – аз
2. Л – Гар ин дархӯрад
3. И – паймуд
4. Л – ои пири
5. Л – аз

www.sattor.com

Ҳамон номаи қайсар овард пеш,[1]
Сухан ронд[2] бо ӯ зи андоза беш.[3]

Чу Хусрав бидид он, дилаш танг шуд,
Рухонаш зи андеша беранг шуд.

Чунин дод посух, ки «гар з-ин сухан,
Ки пеш омад аз рӯзгори куҳан,

Ҳаме бар дил ин ёд бояд гирифт,
Ҳама ранҷҳо бод бояд гирифт.

Нигаҳ кун кунун, то ниёкони мо,
Гузида ҷаҳондору покони мо

Ба бедод карданд ҷанг, ар ба дод,
Нигар то зи пирон кӣ дорад ба ёд?[4]

Сазад гар бипурсӣ зи донои Рум,
Ки ин бад зи зоғ омадаст, ар зи бум?

На ҳар кас, ки дар Рум шуд сарфароз
Ҳаме з-офаринанда шуд бениёз.[5]

Ниёкони мо[6] номдорон буданд,
Ба гетӣ-дарун комгорон[7] буданд.

Набардоштанд аз касе саркашӣ,
Баландиву тундиву[8] бедонишӣ.

Кунун ин суханҳо наёрад баҳо,
Ки бошад[9] сар андар дами аждаҳо.

Яке сӯи қайсар бар аз ман дуруд,
Бигӯяш, ки гуфтори бетору пуд

1. И – ӯро супурд,
2. Л – гуфт
3. И – Суханҳо якояк бад-ӯ баршумурд.
4. ТПИЛМ – Гирифтему гаштем аз ин марз боз,
Шуморо мабодо ба Эрон ниёз.
5. И –б. 1251, 1252 нест.
6. Л – Ба даҳр-андарун
7. Л –Ниёгони мо тоҷдорон
8. И – зиштиву
9. Л – дорад

www.sattor.com

Бузургон наёранд пеши хирад,
Ба фарҷом ҳам неку бад бугзарад.

Аз ин пас на ором ҷӯям, на хоб,
Магар баркашам доман аз тира об.

Чу румӣ наёбем фарёдрас,
Ба наздики хоқон фиристем кас.

Сухан ҳарчи гуфтам, ҳама хира буд,
Ки оби равон аз буна тира буд.

Фиристодагонам чу оянд боз,
Бад-он шорсон дарнамонам дароз.

Ба эрониён гуфт: «Фармон кунед,
Дили хешро з-ин сухан машканед,

Ки Яздони пирӯзгар ёри мост,
Ҷавонмардиву мардумӣ кори мост».

Гирифт ин сухан бар дили хеш хор,
Фиристод нома ба дасти Тухор.[1]

Бар ин гуна бар номаи худ навишт,
Наёмад-ш ёд аз дари хубу зишт.

Биёмад зи наздики Хусрав Тухор
Чунин то дари қайсари номдор.

НОМАИ ДИГАР АЗ ҚАЙСАР БА ХУСРАВ ДАР БОРАИ ЁРӢ КАРДАН БО Ӯ

Чу қайсар нигаҳ карду нома бихонд,
Зи ҳар гуна андеша дар дил биронд.

В-аз он пас ба дастури пурмоя гуфт,
Ки «ин розҳо бозҷӯй аз нуҳуфт.

Радонрову кундоваронро бихон,
Зи кори гузашта фаровон бирон.[2]

1. И –бари шаҳрёр: Л – савор.
2. б. 1269 нест.

www.sattor.com

Нигаҳ кун, ки Хусрав бад-ин корзор
Шавад шод, агар печад аз рӯзгор.

Гар эдун, ки гӯед[1] пирӯз нест,
Аз он пас варо[2] низ наврӯз нест.

Бимонем, то сӯи хоқон шавад,
Чу бемор шуд, сӯи[3] дармон шавад.

В-ар эдун, ки пирӯзгар бошад ӯй,
Ба шоҳӣ ба сони падар бошад ӯй.[4]

Ҳамон беҳ, к-«аз эдар шавад бо сипоҳ,
Магар кина дар дил надорад нигоҳ».

Чу бишнид дастури доно сухан,
Бифармуд, то зичҳои куҳан

Бибурданд мардони ахтаршинос,
Сухан ронд бо номдорон[5] се пос.

Саранҷом марди ситорашумар
Ба қайсар чунин гуфт, к-«эй тоҷвар!

Нигаҳ кардам ин зичҳои куҳун,
К-аз ахтар Фалотун фикандаст бун,

На бас дер шоҳӣ ба Хусрав расад,
Зи шоҳаншаҳӣ[6] гардиши нав расад.

Бар ин гуна - бар солҳо сию ҳашт,
Бар ӯ гарди тира наёрад гузашт».

Чу бишнид қайсар, ба дастур гуфт,
Ки «берун шуд ин рози ӯ аз нуҳуфт.

1. Л –гӯянд
2. Л –маро
3. ИЛ – пеши
4. Л – б. 1273 нест.
5. Л – то монд аз шаб
6. Л – шоҳаншаҳон

www.sattor.com

Чӣ гӯему инро чӣ посух диҳем,
Яке то бар ин реш[1] марҳам ниҳем?[2]

Чу Хусрав сӯи марзи хоқон шавад,
Варо ёр хоҳад, таносон шавад.

Чу лашкар ба ҷои дигар созад ӯй,
Зи кини ту ҳаргиз напардозад ӯй.

Нигаҳ кун, ки акнун ту донотарӣ,
Бад-ин орзу-бар тавонотарӣ».

Чунин гуфт қайсар, ки «акнун сипоҳ
Фиристем ночор наздики шоҳ.

Сухан чанд санҷӣ, ҳамон беҳ, ки ганҷ
Кунам хор, то дур монам зи ранҷ».

НОМА НАВИШТАНИ ҚАЙСАР БА ХУСРАВИ ПАРВИЗ ДИГАР БОР

Ҳамон гаҳ яке нома бинвишт зуд,
Бар он офарин офарин барфузуд,

Ки бо мӯбади якдилу покрой
Задем аз баду нек мо пок рой.

Зи ҳар гунае достонҳо задем,
Бад-он рой пешина боз омадем.

Кунун рою гуфторҳо шуд ба бун,
Кушодам дари ганҷҳои куҳун.

Ба Қустантания фузун з-ин сипоҳ
Надорам, ки доранд кишвар нигоҳ.

Суханҳо зи ҳар гуна оростем,
Зи ҳар гӯшае[3] лашкаре хостем.

1. ИЛ – гуфта
2. ТПЗМ– Гаронмоя дастур гуфт ин сухун,
Ки дар осмон ахтар афканд бун.
Ба мардиву дониш на бархост кас,
Ҷаҳондор бодо туро ёру бас.
3. Л – кишваре

www.sattor.com

Якояк чу оянд ҳам дарзамон,
Фиристем назди шумо бегумон.

Ҳама мӯлишу рой чандин задан,
Бад-ин нештар коми шер озадан

Аз он буд, ки кирдорҳои куҳан
Ҳаме ёд кард, он ки донад сухан,

Ки[1] ҳангоми Шопур шоҳ Ардашер
Дили марди барно шуд аз ранҷ пир.

Зи бас ғорату куштану тохтан,
Ба бедод-бар кинаҳо[2] сохтан.

Чу з-ӯ бугзарӣ Ҳурмузу Кайқубод,
Ки аз дод ҳаргиз накарданд ёд.

Аз ин марзи мо сиву нӯҳ шорсон
Аз эрониён шуд ҳама хорсон.

Зи хуни сарон дашт гашт обгир,
Зану кӯдаконшон бибурданд асир.

Агар марди румӣ ба дил кин гирифт,
Набояд, ки ояд туро з-он шигифт.

Худ озурданӣ нест дар дини мо,
Мабодо бадӣ кардан оини мо.

Надидем чизе беҳ аз ростӣ,
Ҳам он дурӣ аз каҷживу костӣ.

Ситамдидагонро ҳама хондем
В-аз ин дар фаровон сухан рондем.

Ба афсун дили мардумон пок шуд,
Ҳама заҳри гиранда тарёк шуд.

Бад-он барниҳодам, к-аз ин дар сухан
Нагӯяд кас аз рӯзгори куҳан.

---
1. Л – Ба
2. И – кори ҷаҳон

www.sattor.com

Ба чизе, ки гӯӣ ту, фармон кунанд,
Равонҳо ба паймон гаравгон кунанд.

Шуморо забон дод бояд ҳамон,
Ки бар мо набошад касе бадгумон.

Бигӯӣ, ки то ман бувам шаҳрёр,
Нагирам чунин ранҷҳо супу хор.

Нахоҳам ман аз румиён бож низ,
На бифрӯшам ин ранҷҳоро ба чиз.[1]

Бад-ин орзу низ бешӣ кунед,
Бисозед бо мову хешӣ кунед.

Шуморо ҳар он гаҳ, ки коре бувад,
В-агар носазо корзоре бувад,

Ҳама дӯстдору бародар шавем,
Бувад низ гаҳ-гаҳ, ки кеҳтар шавем.

Чу гардед аз ин шаҳри мо бениёз,
Ба дилтон ҳамон кина ояд фароз.

Зи Туру зи Салм андарояд сухан
В-аз он беҳуда рӯзгори куҳан.

Яке аҳд хоҳам кунун устувор,
Сазовор мӯҳре бар ӯ ёдгор,

Ки мо з-ин пас аз кини Эраҷ сухан
Наронему з-он ҷангҳои куҳан.

Аз он пас яке бошад Эрону Рум,
Ҷудоӣ наҷӯем аз ин марзу бум.[2]

Паси пардаи мо яке духтар аст,
Ки аз меҳтарон дархури меҳтар[3] аст.

---

1. ТПИЛ – Дигар ҳар чӣ доред аз ин марзу бум,
   Аз Эрон касе наспарад марзи Рум.
2. И –б. 1312–1319 нест.
3. Л –афсар: И–хирад меҳтар

www.sattor.com

Бихоҳед бар покии дини мо,
Чунон чун бувад роҳу оини мо.

Бидон, то чу фарзанди қайсарнажод
Бувад, кини Эраҷ наёрад ба ёд.

Аз ошӯбу аз ҷанг рӯи замин
Биёсояду роҳ ҷӯяд ба дин.

Кунун гар ба чашми хирад бингарӣ,
Мар инро ҷуз аз ростӣ нашмарӣ.

Бимонад зи пайванд паймони мо,
Зи Яздон чунин аст фармони мо.

Зи ҳангоми Пирӯз то Хушнавоз,
Ҳамоно, ки бугзашт рӯзи дароз,

Ки сарҳо бидоданд ҳар ду ба бод,
Ҷаҳондори паймоншикан кас мабод.

Масеҳи паямбар чунин кард ёд,
Ки печад хирад, чун бупечӣ зи дод.

Басе чора кард андар ин хушнавоз,
Ки Пирӯзро сар наёяд ба гоз.

Чу Пирӯз бо ӯ дуруштӣ намуд,
Надид андар он ҷанг ҷуз тира дуд.

Шуд он лашкару тахти шоҳӣ ба бод,
Чу печида шуд шоҳро сар зи дод.

Ту барноиву низ нодидакор,
Чу хоҳӣ, ки ёбӣ бар аз рӯзгор,

Машав ёвари[1] марди паймоншикан,
Ки паймоншикан кас наярзад кафан.

Бар он шоҳ нафрин кунад тоҷу гоҳ,
Ки паймоншикан бошаду кинахоҳ.

1. ИЛ – Макун ёрии

www.sattor.com

Кунун номаи ман саросар бихон,
Гар ангуштҳо чарб дорӣ ба хон,

Суханҳо нигаҳ дору посух навис,
Ҳама хубӣ андешу фаррух навис.

Нахоҳам, ки ин роз донад дабир,
Ту бошӣ нависандаву[1] тезвир.[2]

Чу бархонам ин посухи номаро,
Бубинам дили марди худкомаро.

Ҳамон гаҳ силеҳу сипоҳу дирам
Фиристем, то дил надорӣ ба ғам.[3]

Ҳар он кас, ки бар ту гиромитар аст,
В-агар назди ту низ номитар аст.

Або он ки з-ӯ кина дорӣ ба дил,
Ба мардӣ зи дил кинаҳо баргусил!

Гуноҳаш ба Яздони доранда,бахш,
Магар[4] рӯз бар душману дӯст дахш.[5]

Чу хоҳӣ, ки дорад-т пирӯзбахт
Ҷаҳондори болашкару тоҷу тахт,

Зи чизи касон даст кӯтоҳ кун,
Равонро сӯи ростӣ роҳ кун.

Навозандаи мардуми хеш бош,
Нигаҳбони кӯшанда дарвеш бош.

Чу бахшанда бошиву фарёдрас,
Наёзад ба тоҷу ба тахти ту кас.

Зи шоҳон ҳар он кас, ки бедор буд,
Ҷаҳонро зи душман нигаҳдор буд.

1. Л – бош, эй писандидаи
2. И – набисандаву ёдгир.
3. Л– дижам.
4. З – Макун
5. З – пахш.

www.sattor.com

Зи душман надиданд ҳаргиз бадӣ,
Бияфзудашон фарраи эзадӣ.

Бузургон хоҳанд пайвандро,
Тани хеш, ё[1] пок фарзандро.

Кунун мо якояк туро хостем,
Равонро ба бандат биёростем.

Чу унвони он нома баргашт хушк,
Бар ӯ барниҳоданд мӯҳре зи мушк.[2]

АҲДНОМА НАВИШТАНИ ХУСРАВИ ПАРВИЗ ВА ФИРИСТОДАН НАЗДИ ҚАЙСАР

Чу он нома наздики Хусрав расид,
Зи пайвастан огоҳии нав расид.

Ба эрониён гуфт, к-«имрӯз меҳр
Дигаргуна гардад ҳаме бар сипеҳр.

Зи қайсар яке нома омад баланд,
Сухан гуфтанаш сарбасар судманд.

Ҳаме роҳ ҷӯяд, ки дерина кин
Бибуррад зи Руму зи Эронзамин».

Чунин ёфт посух аз эрониён,
Ки ҳар гаҳ ки бархост кин аз миён--

Наҷӯяд кас аз меҳтарон тоҷи шоҳ,
Намонад тиҳидаст чандин сипоҳ.

Гар ин рост гардад ба ҳангоми ту,
Нависанд бар тоҷҳо номи ту.

Чу эшон бад-ин гуна диданд рой,
Бипардахт Хусрав зи бегона ҷой.

Давоту қалам хосту чинӣ ҳарир,
Бифармуд, то пеши ӯ шуд дабир.

1. Л – ҳам
2. ТПИЛМ – Бар он мӯҳр бинҳод қайсар нигин,
Фиристодаро доду кард офарин.

www.sattor.com

Яке нома бинвишт бар паҳлавӣ,
Бар оини шоҳон, хати хусравӣ,

Ки пазруфт Хусрав зи Яздони пок,
Зи гарданда хуршеду арманда хок,

Ки то ман шавам[1] шоҳ дар пешгоҳ,
Маро бошад Эрону ганҷу сипоҳ,

Нахоҳам зи дорандагон божи Рум,
На лашкар фиристам бад-он марзу бум.

Ҳар он шорсоне, к-аз он марз буд,
Агарчанд бекору беарз буд.

Ба қайсар супорам[2] ҳама якбаяк,
Аз ин пас навишта фиристему чак.

Ҳамон низ духтар, к-аз он модар аст,
Ки пок асту пайвастаи қайсар аст,

Ба ҳамдостони падар хостем,
Бад-ин хостан дил биёростем.

Ҳар он кас, ки бар боргоҳи туанд,
Зи Эрону андар паноҳи туанд,

Чу Густаҳму Шопуру чун Андиён,
Чу Харроди Барзин зи тухми каён.

Чу лашкар фиристӣ, бад-эшон супор
Хирадёфта духтари номдор.

Ба хешӣ чунонам кунун бо ту ман,
Чу аз пеш буд он бузург анҷуман.

Нахустин Каюмарсу пас Ҷаммшед,
К-аз ӯ буд гетӣ ба биму умед.

Дигар он ки ҳастанд фаррухнажод,
Ки аз Отибину Фаридун бизод.

1. ИЛ – бувам
2. Л – супурдам

www.sattor.com

Аз он тоҷвар меҳтарони куҳан
Ба Ковусу Кайхусрав ояд сухан.

Бад-ин ҳам нишон то Қубоди бузург,
Ки аз доди ӯ хеш шуд мешу гург.

Раворав чунин то ба Лӯҳроспшоҳ,
Зи Лӯҳросп омад ба Гуштоспшоҳ.

Сари саркашон фаррух Исфандёр,
К-аз ӯ тоза шуд Баҳмани номдор.

Бад-ин гуна[1] то Бобакон Ардашер,
К-аз ӯ шуд ҷавон ахтари гашта пир.

Чу Хусрав, ки дорад зи Ҳурмуз нажод,
Або қайсар ӯ якдилу якниҳод.

Куҷо Салм будаш ниёи куҳан,
Нагӯям дурӯғу наҷӯям сухан.

Ҳама кина бардоштем аз миён,
Яке гашт румиву ерониён.

Зи қайсар пазируфтам ин духтараш,
Ки аз духтарон ӯ будӣ афсараш.

Зи айбу ҳунар ҳар чӣ[2] дорад, равост,
Бар ин нома-бар покяздон гувост.

Навишта саросар ба хатти ман аст,
Ки хатти ман андар ҷаҳон равшан аст.

Ниҳодам бар ин нома-бар мӯҳри хеш,
Чунон чун бувад расму оину кеш.

Пас аз ту ҳар он кас, ки қайсар шаванд,[3]
Ҷаҳонгиру ботахту афсар шаванд.[4]

1. Л – Аз ин гуна
2. Л – ончи
3. Л –шавад,
4. Л – шавад.

www.sattor.com

Навишта бар ин-бар гувои ман аст,
Равону хирад ошнои ман аст.

Аз ин барнагардам, ки гуфтам яке,
Зи кирдор бисёр, ё андаке.

Кунун ҳар чӣ з-ин бо ту гуфтам, равост,
Дилу ахтару покяздон гувост.[1]

Ту[2] чизе ки гуфтӣ, дирангӣ масоз,
Ки будан бад-ин шорсон шуд дароз.

Чу кард ин суханҳо бар ин гуна ёд,
Набишта ба Хуршеди Харрод дод.

Сипаҳбад чу бод андаромад зи ҷой,
Ба аспи саманд андаровард пой.

Ҳаме тохт то пеши қайсар чу бод,
Суханҳои Хусрав бар ӯ кард ёд.

Чу қайсар аз он нома бугсист банд,
Бидид он суханҳои шоҳи баланд.

Бифармуд, то ҳар ки доно буданд,
Ба гуфторҳо-бар тавоно буданд.

Ба наздики қайсар шуданд анҷуман,
Бипурсид аз эшон ҳама тан ба тан,

Ки акнун мар инро чӣ дармон кунем,
Або шоҳи Эрон чӣ паймон кунем?[3]

Бад-ин нома мо бебаҳона шудем,
Ҳама Руму Эрон ягона шудем.

Бузургони фарзона бархостанд,
Забон посухашро биёростанд,

Ки «мо кеҳтаронему қайсар туӣ,
Ҷаҳондори ботахту афсар туӣ.

1. И –б. 1385–1390 нест.
2. ИЛ – Зи
3. И –б. 1397, 1398 нест.

www.sattor.com

Нигаҳ кун, кунун рою фармон туст,
Зи мо гар бихоҳӣ тану ҷон, турост».

Чу бишнид қайсар, гирифт офарин
Бар он номдорони борою дин.

Ҳаме буд, то шамъи гардонсипеҳр,
Дигаргунатар шуд ба оину чеҳр.

ТИЛИСМ СОХТАНИ РУМИЁН ВА ОЗМОИШ КАРДАН ЭРОНИЁНРО

Чу хуршеди гарданда беранг шуд,
Ситора ба бурҷи шабоҳанг шуд.

Бифармуд қайсар ба найрангсоз,
Ки пеш орад андешаҳои дароз.

Бисозед ҷои шигифте тилисм,
Ки кас бознашносад онро зи ҷисм.

Нишаста зане хуб бар тахти ноз,
Пур аз шарм бо ҷомаҳои дароз.

Аз ин сӯ в-аз он сӯ парастандагон,
Паси пушту пеш - андарун бандагон.

Нишаста бар ин тахт бегуфтугӯй,
Ба гирён зане[1] монад он моҳрӯй.

Замон то замон даст бифрохтӣ,[2]
Сиришке зи мижгон бияндохтӣ.[3]

Ҳар он кас, ки дидӣ мар ӯро зи дур,
Зане ёфтӣ бо рухе[4] пур зи нур,

Ки бигристӣ бар Масеҳо ба зор,
Ду рух сурху мижгон чу абри баҳор.

---

1. Л – касе
2. И – барёхтӣ,
3. ТПЗ – Бар он сон ки бишнид найрангсоз,
Зане сохт бо гесувони дароз.
4. Л – шефта

www.sattor.com

Тилисми бузург он чу омад ба ҷой,
Бари қайсар омад яке раҳнамой.[1]

Зи доно чу бишнид қайсар, бирафт,
Ба пеши тилисм омад он гоҳ тафт.

Аз он ҷодуӣ дар шигифтӣ бимонд,
Фиристоду Густаҳмро пеш хонд.

Мар он ҷодувонро бубахшид чиз,
Басе бо дирам ҳадяҳо дод низ.

Ба Густаҳм гуфт: «Эй гави номдор,
Яке духтаре доштам чун баҳор!

Биболиду омад-ш ҳангоми шӯй,
Яке хеш буд мар маро номҷӯй.

Ба роҳи Масеҳо бад-ӯ додамаш,
Зи бедонишӣ рӯй букшодамаш.

Фиристодам ӯро ба хони ҷавон,
Сӯи осмон шуд ҷавонро равон.

Кунун ӯ нишастаст бо[2] сӯгу дард,
Шуда рӯзи равшан бад-ӯ ложвард.

На пандам пазирад, на гӯяд сухан,
Ҷаҳони нав аз ранҷи ӯ шуд куҳан.

Яке ранҷ бардору ӯро бубин,
Суханҳои донандагон баргузин.

Ҷавониву аз гавҳари паҳлавон,
Магар бо ту ӯ баркушояд забон.

Бад-ӯ гуфт Густаҳм, к-«эдун кунам,
Магар к-аз дилаш меҳр берун кунам».

Ба назди тилисм омад он номдор,
Кушодадилу бар сухан комгор.

---

1. ТПЗ – Ки «чизе ки фармудаӣ, сохтем,
Бад-сон ки гуфтӣ, бипардохтем».
2. Л – пур: И – нишаста бар он

www.sattor.com

Чу омад ба наздики тахташ фароз,
Тилисм аз бари тахт бурдаш намоз.

Гаронмоя Густаҳм биншаст хор,
Сухан гуфт бо он зани сӯгвор.

Диловар нахуст андаромад ба панд,
Суханҳо ҳаме рондӣ судманд.

Бад-ӯ гуфт, к-«эй духти қайсарнажод,
Хирадманд нахрӯшад аз кори дод.

Раҳо нест аз марг паррон уқоб,
Чи дар беша шеру чи моҳӣ дар об».

Ҳама бод буд гуфтани паҳлавон,
Ки тан беравон буду сар[1] безабон.

Ба ангушти худ ҳар замоне сиришк
Бияндохтӣ пеш гӯё пизишк.

Чу Густаҳм аз ӯ дар шигифтӣ бимонд,
Фиристод қайсар кас, ӯро бихонд.

«Чӣ дидӣ,–бад-ӯ гуфт,– аз он духтарам,
Ки аз дарду сӯгаш ба ранҷ-андарам?»

Бад-ӯ гуфт: «Бисёр додам-ш панд,
Набуд панди ман назди ӯ судманд».

Дигар рӯз қайсар ба Болӯй гуфт,
Ки «имрӯз бо Андиён бош ҷуфт.

Ҳамон низ Шопури меҳтарнажод
Кунад ҷони моро бад-ин духт шод.

Шавӣ назди он кӯдаке сӯгвор,[2]
Сухан гӯй[3] аз номвар шаҳрёр,

1. Л – равон.
2. Л – Шавад назди ин кӯдаки ширхор.
3. Л – гӯяд

www.sattor.com

Магар посухе ёбӣ аз духтарам,
К-аз ӯ оташ ояд ҳаме бар сарам.[1]

Сазад гар бад-ин ранҷ бошед ёр,
Бипурсед аз ин духтари номдор.

Магар бишнавад панду андарзатон,
Бидонад сари мояву арзатон.

Бар онам, ки имрӯз посух диҳад,
Чу посух ба овози фаррух диҳад.[2]

Шавам[3] раста аз ранҷи[4] ин сӯгвор,
Ки хуноб резад[5] ҳаме бар канор».

Бирафт он гиромӣ се озодмард,
Сухан гуфт ҳар як зи нангу набард.

Аз эшон касе рӯи посух надид,
Зани безабон[6] хомушӣ баргузид.

Аз он хона наздики қайсар шуданд,
Ба бечорагӣ пеши довар шуданд,

Ки «ҳарчанд гуфтему додем панд,
Нашуд сӯи панд ин дили мустаманд».[7]

Чунин гуфт қайсар, ки «бад рӯзгор,
Ки мо сӯгворем аз ин сӯгвор».

Аз ин номдорон чу чора наёфт,
Сӯи род Харроди Барзин шитофт.

Бад-ӯ гуфт, к-«эй номдори далер,[8]
Гузини[9] сари тухмаи Ардашер,

---

1. ИЛ – Пас аз б. 1441 ин б. омада:
Ҳама поймардед аз он шаҳрёр,
Ки ҷӯяд ҳаме гоҳи Исфандёр.
2. Л – ниҳад.
3. Л – Шавад
4. Л – дард
5. Л – борад
6. Л – В-аз он ҳар яке
7. Л – ӯ зи роҳи газанд.
8. Л – дабир,
9. Л – Гузину

www.sattor.com

Яке сӯи он[1] духтар андар[2] шавӣ,
Магар як раҳ овози ӯ бишнавӣ».[3]

Фиристод бо ӯ яке устувор
Аз айвон ба наздики он сӯгвор.[4]

Чу Харроди Барзин баромад[5] бараш,
Нигаҳ кард рӯю сару афсараш.

Ҳаме буд пешаш замоне дароз,
Тилисми фиребанда бурдаш намоз.

Саропои он зан басе бингарид,
Парастандагонро бари ӯ бидид.

Басе гуфту зан ҳеҷ посух надод,
Пурандеша шуд марди меҳтарнажод.

Ҳаме гуфт: «Гар зан зи ғам беҳуш аст,
Парастанда бо вай[6] чаро хомуш аст?

Агар худ сиришк аст бар чашми ӯй,
Сазидӣ, агар кам шудӣ хашми ӯй,

Ба пеши бараш барчаконад ҳаме,
Чапу рост ҷунбиш надорад[7] ҳаме.

Сиришкаш ки андохт, як ҷой рафт,
Ҳаме даст бар рон-ш[8] якпой рафт.

Гар эч андар ин колбад ҷон будӣ,
Ҷуз аз дасту по тан-ш[9] ҷунбон будӣ.

---

1. Л –ин
2. Л –дар
3. ТП– Ки бас сӯгворам ман аз кори ӯй,
Ғамӣ гаштам аз кунд бозори ӯй.
Надонам чӣ бозӣ гирифт ӯ зи бахт,
Фурӯ мондаам ман дар ин кор сахт.
Кушода шавад аз ту корам магар,
Ки озода мардиву боҳушу фар.
4. И –б. 1451–1454 нест.
5. ИЛ – биёмад
6. ИЛ – боре
7. ИЛ – надонад
8. Л – Ҳам он дасту ронаш ба
9. Л – даст ҷояш

www.sattor.com

Сиришке сӯи дигар андохтӣ,
Дигар даст ҷои дигар ёхтӣ.[1]

Набинам ҳаме ҷунбиши ҷон ба ҷисм,
Набошад магар файласуфӣ тилисм.

Бари қайсар омад, бихандиду гуфт,
Ки «ин моҳрухро хирад нест ҷуфт.

Тилисм аст, к-он румиён сохтанд,
Ки Болӯю Густаҳм нашнохтанд.

Ба эрониён-бар бихандӣ ҳаме,
В-агар чашми моро бубандӣ ҳаме».

Чу ин бишнавад шоҳ, хандон шавад,
Кушодалабу симдандон шавад.

ГУЗОРИШ КАРДАНИ ХАРРОД БАР ДИНИ ҲИНДУВОН

Бад-ӯ гуфт қайсар, ки «ҷовид зӣ,
Ки дастурии хусравонро сазӣ.

Яке хона дорам ба айвон шигифт,
К-аз он бартар андоза натвон гирифт.

Чу бинӣ, надонӣ,[2] ки он банд чист,
Тилисм аст ё кардаи эзадист».

Чу Харроди Барзин шунид ин сухан,
Биёмад бад-он ҷойгоҳи куҳан.

Бидид истода муаллақ савор,
Биёмад бари қайсари номдор.[3]

---

1. Л – б. 1464 нест.
2. Л – бидонӣ.
3. ТПИМ – Чунин гуфт, к-«эй шоҳи пирӯзбахт,
   Яке гавҳар аст ин сазовори тахт.*
   Бар онам, к-аз ин хубтар кас надид,
   Тилисме на аз кордонон шунид.
   Набояд, ки монад зи доно ниҳон,
   Ки ҳамтои ин нест андар ҷаҳон».
   Бад-ӯ гуфт қайсар: куҷо, к-«ин тилисм
   Бар он сон баровард беҷону ҷисм».

* И – танҳо як байт ҳаст.

www.sattor.com

Чунин гуфт, к-«аз оҳан аст ин савор,
Ҳамон гунбад аз гавҳари номдор,

Ки доно варо миғниётис хонд,
Ки румиш бар аспи оҳан[1] нишонд.

Ҳар он кас, ки аз[2] дафтари ҳиндувон
Бихонад, шавад шоду равшанравон».

Бипурсид қайсар, ки «ҳинду зи роҳ
Ҳаме то куҷо баркашад пойгоҳ?

Зи дину парастидан андар[3] чианд,
Ҳаме бутпарастанд агар, худ кианд?»

Чунин гуфт Харроди Барзин, ки «роҳ
Ба Ҳинд- андарун роҳи гов асту моҳ.

Ба Яздон нагарванду гардонсипеҳр,
Надорад касе бар тани хеш меҳр.

Зи хуршеди гарданда-бар бугзаранд,
Чу моро зи донандагон нашмаранд.

Ҳар он кас, ки оташ ҳаме барфурӯхт,
Шуд андар миён, хештанро бисӯхт.

Яке оташе донад андар ҳаво,
Ба фармони Яздони фармонраво,

Ки донои ҳиндуш хонад асир,
Суханҳои чарб ораду дилпазир.

Бигӯяд, ки оташ ба оташ расид,
Гуноҳаш зи кирдор шуд нопадид.

Аз он ногузир оташ афрӯхтан,
Ҳаме ростӣ донад аз[4] сӯхтан».

1. ИЛ – ҳиндӣ
2. Л – ӯ
3. Л – парастандагон бар
4. Л – он

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт қайсар, ки «ин нест рост,
Бар ин-бар равони Масеҳо гувост.

Набинӣ, ки Исои Марям чӣ гуфт
Бад-он гаҳ, ки букшод роз аз нуҳуфт?

Ки пироҳанат гар ситонад касе,
Маёвез бо ӯ ба тундӣ басе.

В-агар барзанад каф ба рухсори ту,
Шавад тира з-он[1] захм дидори ту--

Маёвар ту хашму макун рӯй зард,
Бихобон ту чашму магӯ эч сард.[2]

Ба камтар[3] хуриш бас кун аз хӯрданӣ,
Маҷӯй, ар набошад-т густурданӣ.

Бад-ин сар бадиро ба бад машмаред,
Беозор аз ин тирагӣ бугзаред.

Шуморо ҳаво бар хирад шоҳ гашт,
Дил аз доду озарм бероҳ гашт.

Ки айвонҳотон ба кайвон расид,
Шуморӣ, кӣ шуд ганҷатонро[4] калид.

Або ганҷатон низ чанде[5] сипоҳ,
Зиреҳҳои румиву румӣ кулоҳ.

Ба ҳар ҷои бедод лашкар кашед,
Аз осудагӣ теғҳо баркашед.

Ҳама чашма гардад биёбон зи хун,
Масеҳо набуд андар ин раҳнамун.

Яке бенаво марди дарвеш буд,
Ки нонаш зи ранҷи тани хеш буд.

1. Л – аз
2. ИЛ –б. 1492 нест.
3. Л –андак
4. Л –Шутур мекашад ганчҳоро
5. Л – чандин

www.sattor.com

Ҷуз аз турбу[1] шираш набудӣ х(в)ариш,
Фузуниш равған будӣ парвариш.

Чу овард марди ҷуҳудаш ба мушт,
Чу беёру бечора дидаш, бикушт.

Ҳамон куштаро низ бар дор кард,
Бар он дор-бар дини ӯ[2] хор кард».

Чу бишнид Харроди Барзин сухун,
Нигар, то ба посух чӣ афканд бун.

Чунин гуфт, к-«ӯ рози мардум сиришт,
Нигаҳбону ҷӯяндаи хубу зишт.

Чу равшанравон гашту донишпазир,
Сухангӯву донандаву ёдгир--

Ба пайғамбарӣ низ ҳангом ёфт,
Ба барноӣ аз зиракӣ ном ёфт.

Ту гӯӣ, ки фарзанди Яздон буд ӯй,
Бар он дор-бар кушта хандон буд ӯй.

Бихандад бар ин-бар хирадманд мард,
Ту гар боҳушӣ, гирди Яздон бигард,

Ки ҳаст ӯ зи фарзанду зан бениёз,
Ба наздики ӯ ошкор аст роз.[3]

Чӣ печӣ зи дини каюмаррасӣ,
Ҳамон роҳу оини таҳмурасӣ,

Ки гӯянд дорои[4] кайҳон якест,
Ҷуз аз бандагӣ карданаш рой[5] нест.

Ҷаҳондида деҳқони яздонпараст,
Чу бар бож[6] барсам бигирад ба даст,

1. Л – тарфу
2. Л – дини варо
3. Л – б. 1510 нест.
4. Л – додори
5. Л – карданат роҳ: И – карданат кор
6. Л – зуннор

www.sattor.com

Нашояд чашидан-ш як қатра об,
Гар аз ташнагӣ об бинад ба хоб.

Ба Яздон паноҳад ба рӯзи набард,
Нахоҳад ба ҷанг-андарун оби сард.

Ҳамон қиблааш бартарин гавҳар аст,
Ки аз обу хоку ҳаво бартар аст.

Набошанд шоҳони мо динфурӯш,
Ба фармони доранда доранд гӯш.

Ба динору гавҳар набошанд шод,
Наҷӯянд ному нишон ҷуз ба дод.

Ба бахшидани кохҳои баланд,
Дигар шод кардан дили мустаманд.

Се дигар[1] касе к-ӯ ба рӯзи набард,
Бипӯшад рухи шеди[2] гардон ба гард.

Бару бум дорад зи душман нигоҳ,
Ҷуз инро нахонад хирадманд шоҳ.

Ҷуз аз ростӣ ҳар кӣ ҷӯяд зи дин,
Бар ӯ бод нафрини беофарин».

Чу бишнид қайсар, писанд омадаш,
Суханҳои ӯ судманд омадаш.

Бад-ӯ гуфт: «Он к-ӯ ҷаҳон офарид
Туро номдори меҳон офарид.

Суханҳои пок аз ту бояд шунид,
Ту дорӣ дари розҳоро калид.

Касеро, к-аз ин гуна кеҳтар бувад,
Сараш з-афсари моҳ бартар бувад»,

Дирам хост аз ганҷу динор хост,
Яке афсаре номбардор хост.

1. Л – Чаҳорум
2. Л – Бипӯшид хуршеди

www.sattor.com

Бад-ӯ доду бисёр кард офарин,
Ки обод бод аз ту Эронзамин.

ФИРИСТОДАНИ ҚАЙСАР ЛАШКАР ВА ДУХТАР НАЗДИ ХУСРАВИ ПАРВИЗ

В-аз он пас чу донист, к-омад сипоҳ,
Ҷаҳон шуд зи гарди саворон сиёҳ.

Гузин кард аз он румиён сад ҳазор,
Ҳама номдорони дар[1] корзор.

Силеҳу дирам хосту аспони ҷанг,
Сар омад бад ӯ рӯзгори диранг.

Яке духтараш буд Марям ба ном,
Хирадманду борою босангу ком.

Бидодаш ба Хусрав ба оину дин,
Ҳаме хост аз кирдгор офарин.

Бипазруфт духтар-ш Густаҳми гурд,
Ба оини шоҳон ба Хусрав супурд.[2]

В-аз он пас биёвард чандон ҷаҳиз,
К-аз он кунд шуд борагиҳои тез.

Зи арринаву гавҳари шоҳвор,
Зи ёқуту аз ҷомаи зарнигор,

Зи густурданиҳову дебои Рум,
Бару пайкари сарву симин-ш[3] бум.

Ҳамон ёраву тавқи бо гӯшвор,
Се тоҷи гаронмоя гавҳарнигор.

Иморӣ биёрост заррин чаҳор,
Ҷулайлаш пур аз гавҳари шоҳвор.

Чиҳил маҳди дигар буд аз обнӯс,
Зи гавҳар дурафшон чу чашми хурӯс.

1. ИЛ –номдор аз дари
2. ИЛ –б. 1533, 1534 нест.
3. Л –Ба зар пайкари ӯ бирешим-ш

www.sattor.com

В-аз он пас парастандаи моҳрӯй
Чу ду сад бирафтанд бо рангу бӯй.

Хирадманду бедор сесад ғулом
Биёмад ба заррину симинситом.

Зи румӣ ҳамон низ ходим чиҳил,
Паричеҳраву шӯҳраву дилгусил.

В-аз он файласуфони румӣ чаҳор--
Хирадманду бодонишу номдор,

Бад-эшон бигуфт, он чи боист гуфт,
Ҳамон низ бо Марям андар нуҳуфт.

Аз орому аз кому боистагӣ,
Ҳам аз бахшишу хӯрду шоистагӣ.

Чу он хоста кард румӣ шумор,
Фузун буд зи сесад ҳазорон ҳазор.

Фиристода ҳар кас, ки буд бар дараш,
Зи гавҳарнигор афсаре бар сараш,

Варо[1] ҷомаву аспу динор дод,
Зи шоиста ҳар чиз бисёр дод.

Яке нома фармуд пас, то дабир
Нависад ҳар он ч-аш бувад ногузир.

Чунин гуфт, к-«ин зердастони шоҳ
Сазад, гар бароранд гардан ба моҳ.

Зи Густаҳм шоистатар дар ҷаҳон
Нахезад касе аз кеҳону меҳон.

Чу Шопури меҳтар гавонҷӣ бувад,
Ки андар суханҳо миёнҷӣ бувад.

Яке роздор аст Болӯй низ,
Ки нафрӯшад озодагонро ба чиз.

1. Л –Ҳамон

www.sattor.com

Чу Харроди Барзин набинад касе,
Агарчанд монад ба гетӣ басе.

Бад-он офаридаш Худои ҷаҳон,
Ки то ошкоро шавад з-ӯ ниҳон.

Чу хуршеди тобанда ӯ[1] бебадист,
Ҳама кору[2] кирдори ӯ эзадист.

Ҳама ёд кард ин ба нома -дарун,
Бифармуд, к-ояд бараш[3] раҳнамун

Ситорашумар пеш бо раҳнамой,
Ки то рафтанаш кай беҳ ояд зи ҷой?

Бичунбид қайсар ба Баҳромрӯз,
Ба нек ахтару фоли гетифурӯз.

Се манзил ҳаме рафт қайсар ба роҳ,
Чаҳорум биёмад ба пеши сипоҳ.

Бифармуд, то Марям ояд ба пеш,
Сухан гуфт бо ӯ зи андоза беш.

Бад-ӯ гуфт: «То марзи эрониён
Нигаҳ дору макшой банд аз миён.

Бараҳна набояд, ки Хусрав туро
Бубинад, ки коре расад нав туро».

Бигуфт ину падруд кардаш ба меҳр,
Ки ёри ту бодо ба рафтан сипеҳр.

Ниётуси ҷангӣ бародар-ш буд,
Бад-он ҷанг солори лашкар-ш буд.

Бад-ӯ гуфт «Хусрав кунун[4] хеши туст,
Бар он барниҳодам, ки ҳамкеши туст.

1. Л – Дилу мағзи Харрод, к-он
2. Л – рою
3. Л – Ба фармони дорандаи
4. ИЛ – Марям ба хун

www.sattor.com

Супурдам туро духтару хоста,
Сипоҳе бад-ин гуна ороста».

Ниётус яксар пазируфт аз ӯй,
Ҷаҳондор гирён бупечид рӯй.

Ҳаме рафт лашкар ба роҳи Вареғ,
Ниётус дар пеш бо гурзу теғ.

Чу бишнид Хусрав, ки омад сипоҳ,
Аз он шорсон кард[1] лашкар ба роҳ.

Чу омад падидор гарди сарон,
Дирафши саворони ҷавшанварон.

Ҳаме рафт лашкар ба кирдори абр,
Сипоҳӣ ҳама ғарқа дар хӯду кабр.

Дили Хусрав аз лашкари номдор
Бихандид чун гул ба гоҳи[2] баҳор.

Дили равшани родро тез кард,
Мар он бораро пошнахез кард.

Ниётусро дид, дар бар гирифт,
Бипурсиду озодӣ андаргирифт.

Зи қайсар, ки бардошт з-он гуна ранҷ,
Або ранҷу лашкар тиҳӣ кард ганҷ.

В-аз он рӯй[3] сӯи иморӣ кашид,
Ба парда -дарун рӯи мардум[4] бидид.[5]

Бипурсиду бар дасти ӯ бӯса дод,
Зи дидори он хубрух гашт шод.

Биёвард ӯро ба пардасарой,
Нуҳуфта яке моҳро сохт ҷой.

1. Л – бурд
2. ИЛ – вақти
3. Л–роҳ
4. Л –Марям
5. И –б. 1577, 1578 нест.

www.sattor.com

Сухан гуфту биншаст бо ӯ се рӯз,
Чаҳорум чу бифрӯхт гетифурӯз,

Гузида сарое[1] биёростанд,
Ниётусро пеши ӯ хостанд.

Або Саргасу Кӯти ҷангӣ ба ҳам,
Сарони сипаҳро ҳама бешу кам.

Бад-эшон чунин гуфт, к-«Акнун сарон
Кадоманду мардони ҷанговарон?»[2]

Ниётус бугзид ҳафтод мард,
Ки овард гиранд рӯзи набард.

Ки дар зери ҳар як[3] бирафтӣ ҳазор.
Гузида саворони ҳанҷаргузор.

Чу Хусрав бидид он гузидасипоҳ,
Саворони гарданкашу размхоҳ,

Ҳаме хонд бар кирдгор офарин,
Ки чарх офариду замону замин.

Ҳамон бар Ниётусу бар лашкараш,
Чи бар номвар қайсару кишвараш,

Бад-он меҳтарон гуфт: «Агар кирдгор
Маро ёр бошад бад-ин рӯзгор,

Тавоноии хеш пайдо кунам,[4]
Заминро зи гавҳар Сурайё кунам.[5]

Бибошед аз ин омадан ромишӣ,
Гузинед гуфтор бар хомушӣ.

---

1. Л –широъе
2. ТПЗ – Касе, к-ӯ гирояд ба гурзу ба теғ,
Ба ҷанг андарун ҷон надорад дареғ.
Агар шер пеш оядаш, гар паланг,
Аз ӯ барнагардад ба ҳангоми ҷанг.
3. Л – зери дирафшаш
4. Л – кунем,
5. Л – ба гавҳар чу дебо кунем.

www.sattor.com

Набошад ҷуз андешаи дӯстон,
Фалак ёру меҳри радон[1] бӯстон».

ЛАШКАР КАШИДАНИ ХУСРАВ БА СӮИ ОЗАРОБОДАГОН

Ба ҳафтум биёрост хуршед чеҳр,[2]
Сипаҳро ба кирдори гардонсипеҳр.

Зи даргоҳ бархост овои кӯс,
Ҳаво шуд зи гарди сипаҳ обнӯс.

Сипоҳӣ гузин кард аз озодагон,
Биёмад сӯи Озарободагон.

Ду ҳафта баромад ба фармони шоҳ,
Дамодам ба лашкаргаҳ омад сипоҳ.

Саропарда зад шоҳ бар дашти Дук,
Сипоҳе чунин гашну[3] роҳе сулук.

Ниётусро дод лашкар ҳама,
Бад-ӯ гуфт: «Меҳтар туӣ бар рама».

В-аз он ҷойгаҳ бо саворони гурд
Инон бораи тезтакро супурд.

Сӯи роҳи Чийчаст[4] бинҳод руй,
Ҳаме ронд шодондилу роҳҷӯй.

Ба ҷое ки Мӯсил буд арманӣ,
Ки кардӣ миёни бузургон манӣ.

Ба лашкаргаҳаш ёр Биндӯй буд,
Ки Биндӯй холи ҷаҳонҷӯй буд.

Чу аз ҷунбиши Хусрав огоҳ шуд,[5]
Аз он дашт тозон сӯи роҳ шуд.[6]

1. Л – бод бар меҳтарон
2. ИЛ – он хубчеҳр,
3. Л – Чунон лашкаре гашн,
4. Л – Ханҷаст
5. Л – огаҳ шуданд,
6. Л – раҳ шуданд.

www.sattor.com

Бирафт он ду гурд аз миёни сипоҳ,
Зи лашкар нигаҳ кард Хусрав ба роҳ.[1]

Ба Густаҳм гуфт: «Он диловар ду мард
Чунин аст тозон ба дашти набард.

Бирав сӯи эшон, нигар, то киянд
В-аз ин гуна тозон зи баҳри чианд?»

Чунин гуфт Густаҳм, к-«эй шаҳрёр,
Бар онам, ки он марди аблақсавор,

Бародар-м Биндӯйи ҷанговар аст,
Ҳамон ёраш аз лашкари дигар аст»,

Чунин гуфт Хусрав ба Густаҳми шер,
Ки «ин кӣ бувад, эй савори далер?

Агар зинда хоҳӣ, ба зиндон бувад
В-агар кушта бар дори майдон бувад».

Бад-ӯ гуфт Густаҳм: «Шоҳо, дуруст,
Бад-он сӯ нигаҳ кун, ки он холи туст.

Чу ояд ба наздику бошад ҷуз ӯй,
Зи Густаҳми гӯянда[2] ҷуз ҷон маҷӯй.

Ҳамон гаҳ расиданд наздики шоҳ,
Пиёда шуданд андар он соягоҳ.

Чу рафтанд наздики Хусрав фароз,
Ситуданду бурданд пешаш намоз.

Бипурсид Хусрав, ба Биндӯй гуфт,
Ки «гуфтам туро хок ёбам нуҳуфт».[3]

Ба Хусрав бигуфт ончи бар вай расид,
Ҳамон мардумӣ, к-ӯ зи Баҳром дид.

В-аз он чора ҷустан бад-он рӯзгор
В-аз он пӯшиши ҷомаи шаҳрёр.

1. И –б. 1605 нест.
2. И –ҷӯянда
3. И-б. 1616 нест.

www.sattor.com

Басе гуфту Хусрав фаровон гирист,
Аз он пас бад-ӯ гуфт, к-«ин мард кист?»

Бад-ӯ гуфт, к-«эй шоҳи хуршедчеҳр,
Ту Мӯсилро чун напурсӣ ба меҳр?

Ки то ту зи Эрон шудастӣ ба Рум,
Нахуфтаст ҳаргиз ба ободбум.

Саропардаву дашт ҷои вай аст,
Зи хиргоҳу хайма сарои вай аст.

Фаровон сипоҳ аст бо ӯ ба ҳам,
Силеҳи бузургиву ганҷи дирам.

Кунун то ту рафтӣ, бад-ин роҳ буд,
Ниёзаш ба баргаштани шоҳ буд».

Ҷаҳондор Хусрав ба Мӯсил гуфт,
Ки «ранҷи ту кай монад андар нуҳуфт?

Бикӯшем, то рӯзи ту беҳ шавад,
Ҳамон номат аз меҳтарон меҳ шавад».

Бад-ӯ гуфт Мӯсил, ки «эй шаҳрёр,
Ба ман-бар яке тоза кун рӯзгор,

Ки оям, бибӯсам рикеби туро,
Ситоиш кунам фарру зеби туро».

Бад-ӯ гуфт Хусрав, ки «бо ранҷи ту,
Дурафшон кунам з-ин сипас ганҷи ту.

Биҷӯям бад-ин орзу коми ту,
Барорам зи гарданкашон номи ту».

Бурун кард як пои хеш[1] аз рикеб.
Шуд он марди бедордил ношикеб.[2]

Бибӯсид пою рикеби варо,
Ҳаме хира гашт аз ниҳеби варо.[3]

---

1. Л –худ
2. Л –бошикеб.
3. И – б. 1631, 1632 нест.

www.sattor.com

Чу бекор шуд марди хусравпараст,
Ҷаҳонҷӯй фармуд, то барнишаст.

В-аз он дашти бебар барангехт асп,
Ҳаме тохт то пеши Озаргушасп.

Ба бож андаромад ба оташкада,
Дилаш буд яксар ба дард ожада.

Бишуд ҳирбад Занду Усто ба даст
Ба пеши ҷаҳондори яздонпараст.

Кушод аз миён шоҳ заррин камар,
Бар оташ барафканд чанде гуҳар.

Ниёишкунон пеши оташ бигашт,
Ба нолидан аз ҳирбад баргузашт.

Ҳаме гуфт, к «эй довари доду пок,[1]
Сари душманон андаровар ба хок.

Ту донӣ, ки бар дод нолам ҳаме,
Ҳама роҳи[2] некӣ сиголам ҳаме.

Ту мапсанд бедоди бедодгар».
Бигуфт ину барбаст זарринкамар.

Сӯи дашти Дук андаровард рӯй,
Ҳаме шуд халидадилу ройҷуй.

Чу омад ба лашкаргаҳи хеш боз,
Ҷаҳон тира гашт аз шаби дерёз.

Фиристод бедор корогаҳон,
Ки то бозҷӯянд кори ҷаҳон.

Чу огоҳ шуд лашкари Нимрӯз,
Ки омад зи раҳ шоҳи гетифурӯз,

Ҳама кӯс бастанд бар пушти пил,
Замин шуд ба кирдори дарёи Нил.

---

1. Л –додпок,
2. Л –ройи

www.sattor.com

Аз он огаҳӣ сарбасар нав шуданд,
Ба ёрӣ ба наздики Хусрав шуданд.

ОГОҲ ШУДАНИ БАҲРОМИ ЧӮБИНА АЗ БОЗГАШТАНИ ХУСРАВ ВА НОМА НАВИШТАН БА САРДОРОНИ ЭРОН

Чу омад ба Баҳром аз он огаҳӣ,
Ки тоза шуд он фарри шоҳаншаҳӣ.

Ҳамон гаҳ зи лашкар яке номҷӯй
Нигаҳ кард бодонишу обрӯй,

Куҷо номи ӯ буд Доропаноҳ,
Ки Баҳромро ӯ будӣ некхоҳ.

Дабири сарафрозро пеш хонд,
Суханҳои боиста чанде биронд.

Бифармуд, то номаҳои бузург
Нависад[1] бад-он[2] меҳтарони сутург.

Ба Густаҳму Биндӯю Гурдӯи гурд,
Ки аз меҳтарон номи гурдӣ бибурд.

Чу Шопуру чун Андиёни савор,
Ҳар он кас, ки буд аз ялон номдор.

Сари нома гуфт, аз ҷаҳонофарин
Ҳаме хонам андар ниҳон офарин,

Ки бедор гардед яксар зи хоб,
Магиред[3] бар бад бад-ин сон шитоб,

Ки то дар ҷаҳон тухми Сосониён
Падид омад андар миёну карон,

Аз эшон наёмад ба ҷуз баттарӣ,
Ба гирди ҷаҳон ҷустани доварӣ.

1. Л –Нависед
2. И –Набисад бар он
3. Л –Нагиранд

www.sattor.com

Нахуст аз сари Бобакон Ардашер,
Ки андар ҷаҳон тоза шуд доругир.

Замона зи шамшери ӯ тира гашт,
Сари номдорон ҳама хира гашт.

Нахустин сухан гӯям аз Ардавон
В-аз он номдорони равшанравон,

Ки аз номашон гашт гетӣ тиҳӣ,
Пур аз дард шуд ҷойгоҳи меҳӣ.

Шунидӣ ҳамоно, ки бар Суфарой
Чӣ омад зи Пирӯзи нопокрой.

Раҳо кард[1] аз банд пои Қубод
В-аз он меҳтарон дод[2] ӯро ба дод.[3]

Қубоди бадандеш нерӯ гирифт,
Ҳунарҳо бишуст, аз дил оҳу гирифт.

Чунон ёвари некдилро бикушт,
Бар ӯ шуд дили номдорон дурушт.

Касе, к-ӯ нашояд ба пайванди хеш,
Ҳаво баргузинад зи фарзанди хеш.

Ба бегонагон ҳам нашояд ба низ,
Наҷӯяд касе оҷ дар чӯби шиз.

Ба Сосониён то мадоред умед,
Маҷӯед ёқут аз сурхбед.

Чу ин нома оранд назди шумо,
Ки фархунда бод Урмузди шумо!

Ба наздики ман ҷоятон равшан аст,
Бару остин ҳам зи[4] пероҳан аст.

1. Л – кардан
2. Л – додан
3. Л – ба бод: И – ба бод.
4. Л –ҳамчу

www.sattor.com

Ба як тоятон[1] бошад[2] орому хоб,
Агар тира шаб, гар[3] баланд офтоб.

Чу оед яксар ба наздики ман,
Шавад равшан ин ҷони торики ман.

Наяндешам аз Руму аз шоҳашон,[4]
Ба пой андарорам сару гоҳашон.

Ниҳоданд бар номаҳо мӯҳри ӯй,
Биёмад фиристодае чораҷуй.

Ба кирдори бозоргонон бирафт,
Ба даргоҳи Хусрав гироид тафт.

Яке корвоне зи ҳар гуна чиз
Або номаҳо ҳадяҳо дошт низ.

Бидид он бузургиву чандон сипоҳ,
Ки гуфтӣ магар бар замин нест роҳ.

Чунин гуфт бо хештан марди пир,
Ки «коре ба пеш омадам ногузир.[5]

Бад-ин фарру авранг ин[6] шаҳрёр,
Ки хоҳад зи Баҳроми ял зинҳор.[7]

Яке марди бедушманам порсӣ,
Ҳамон бор дорам шутурвор сӣ.

Чаро хештан кард бояд ҳалок,
Баландӣ падидор гашт аз мағок.

Шавам, номаҳо назди Хусрав барам,
Ба наздики ӯ ҳадяи нав барам».

Пурандеша омад ба даргоҳи шоҳ
Або номаи кеҳтари кинахоҳ.

1. И – якҷоятон
2. Л – як ҷоятон буд
3. Л – буд, ар
4. Л–шоҳаншаҳон?
5. Л –б. 1679 нест.
6. Л –Ба дил гуфт бо инчунин
7. И –б. 1677–1680 нест.

www.sattor.com

Дирам бурду бо ҳадяҳо нома бурд,
Суханҳо бари шоҳи гетӣ шумурд.

Ҷаҳондор чун номаҳоро бихонд,
Мар ӯро ба курсии заррин нишонд.

Бад-ӯ гуфт, к-«эй марди бисёрдон,
Ту Баҳромро назди мо хор дон.

Кунун з-ончи кардӣ, расидӣ ба ком,
Фузун з-ин маҷӯй андар ин кор ном».

Бифармуд, то пеши ӯ шуд дабир,
Мар он посухи номаҳо ногузир.

Набишт андар он номаҳои дароз,
Ки «эй меҳтари гурду гарданфароз![1]

Ҳама номаҳои ту бархондем,
Фиристодаро пеш биншондем.

Ба гуфтор бекор бо Хусравем,
Ба дил бо ту ҳамчун баҳори навем.

Чу лашкар биёрӣ бад-ин марзу бум,
Кӣ андешад аз Руму мардони Рум?

Ҳама пок шамшерҳо баркашем,
Ба ҷанг- андарун румиёнро кушем.

Чу Хусрав бубинад сипоҳи туро,
Ҳам он мардиву пойгоҳи туро.

Дилаш рӯзи пайкор ларзон шавад,
Зи пешат[2] чу рӯбаҳ гурезон шавад».

Бар он номаҳо мӯҳр бинҳод шоҳ,
Бихонд он писандидаи некхоҳ.

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй хирадмандмард,
Барӣ ранҷ, ёбӣ бад-ин[3] коркард».

1. Л – гурди кеҳтарнавоз!
2. Л – беша
3. ИЛ – аз ин

www.sattor.com

Мар ӯро гуҳар доду динор дод,
Гаронмоя ёқут бисёр дод.

1700 Бад-ӯ гуфт, к-«Ин назди Чӯбина бар,
Тани носазо мард бесар шумар.[1]

Чу равшан бувад бахти гарданфароз,
Туро дорам андар ҷаҳон бениёз».

Бирафт аз дари шоҳ Доропаноҳ,
Ба кирдори бод андаромад зи роҳ.

Ҳама номаҳо пеши Чӯбина бурд,
Суханҳои ширин бар ӯ баршумурд.[2]

СИПОҲ РОНДАНИ БАҲРОМИ ЧӮБИНА БА ҶАНГИ ХУСРАВИ ПАРВИЗ ВА ҲАЗИМАТ КАРДАН РУМИЁНРО

Чу марди ҷаҳонҷӯй нома бихонд,
Ҳаворо бихонду хирадро биронд.

1705 Аз он номаҳо сози рафтан гирифт,
Бимонданд эрониён з-он[3] шигифт.

Бирафтанд пирони наздики ӯй,
Чу диданд он ройи[4] торики ӯй.

Ҳаме гуфт ҳар кас: «аз эдар марав,
Чу рафтӣ, куҳан гардад ин рӯзи нав.

Агар Хусрав ояд ба Эронзамин,
Набинад ба ҷуз[5] гурзу шамшери кин.

Бар ин тахти шоҳӣ маҳӯр зинҳор,
Ҳаме хира бифребадат рӯзгор».

1. ИЛ – Шунида суханҳо бар ӯ баршумар.
2. ИЛ –б. 1701–1703 нест.
3. ИЛ-дар
4. Л – кирдори
5. Л-магар

www.sattor.com

Наёмад суханҳо бар ӯ коргар,
Бифармуд, то рафт лашкар бадар.

Буна барниҳоду сипаҳ барнишонд,
Бизад кӯсу аз шаҳр[1] лашкар биронд.

Ҳаме тохт то Озарободагон
Сипоҳе диловар аз озодагон.

Сипоҳ андаромад ба танги сипоҳ,
Бубастанд бар мӯру бар пашша роҳ.

Чунин гуфт пас меҳтари[2] кинахоҳ,
Ки «ман кард хоҳам ба лашкар нигоҳ.

Бубинам, ки румисаворон кианд,
Сипоҳӣ кадоманду гурдон кианд?!»

Ҳамон барнишастанд гурдон бар асп,
Ялонсинаву меҳтар Эзадгушасп.

Ба дидори он лашкари кинахоҳ
Гаронмоягон баргирифтанд роҳ.

Чу лашкар бididанд, боз омаданд,
Ба наздики меҳтар фароз омаданд,

Ки ин бекарона яке лашкар аст,
Аз андешаи мо ҳаме бартар аст.

В-аз он рӯй румисаворони шоҳ
Бирафтанд пӯён бад-он боргоҳ.[3]

Бубастанд бар пеши Хусрав миён,
Ки мо ҷанг ҷӯем аз эрониён.

Бар он кор ҳамдостон гашт шоҳ,
Куҷо[4] орзу хост румисипоҳ.

1. Л – кӯс дар шаҳру
2. ИЛ – кеҳтари
3. И – бар он пойгоҳ.
4. Л – к-аз ӯ

www.sattor.com

РАЗМИ ХУСРАВ БО БАҲРОМИ ЧӮБИНА ВА КУШТА ШУДАНИ КУТИ РУМӢ

Чу хуршед барзад сар аз тиракӯҳ,
Хурӯше баромад зи ҳар ду гурӯҳ,

Ки гуфтӣ замин гашт гардонсипеҳр,
Гар аз теғҳо тира шуд рӯи меҳр.[1]

Биёростанд маймана майсара,
Замин кӯҳ гашт оҳанин[2] яксара.

Аз овози аспону бонги сипоҳ
Биёбон ҳаме ҷуст бар кӯҳ роҳ.

Чу Баҳроми ҷангӣ бад-он бингарид,
Яке ханҷари обгун баркашид.[3]

Ҳаме гашт гирди сипаҳ яктана,
Ки дорад нигаҳ[4] майсара, маймана.

Ялонсинаро гуфт: «Бар қалбгоҳ
Ҳаме бош бар пеши рӯи сипоҳ,

К-аз ин лашкар имрӯз ҷангӣ манам,
Ба гоҳи гурезаш дирангӣ манам».

Нигаҳ кард Хусрав бар он размгоҳ,
Ҷаҳон дид яксар зи лашкар сиёҳ.[5]

Рухи шеди тобон чу коми хизабр
Ҳаме теғ борид гуфтӣ зи абр.

Ниётусу Биндӯю Густаҳму шоҳ
Ба боло гузаштанд аз он размгоҳ.

---

1. И – б. 1724 нест.
2. Л – оҳанинкӯҳ шуд
3. ТПЗЛ – Наёмад ба дил-ш - андарун тарсу бим,
   Дили шери дарранда шуд бар ду ним.
   Ба эрониён гуфт: «Саф баркашед,
   Ҳама кишвари Дук лашкар кашед!».
4. Л – Кӣ дорад сипаҳ
5. И-6. 1731 нест: Л –пур аспу сипоҳ.

www.sattor.com

Нишастанд бар кӯҳи Дук он сарон,
Ниҳода ду дида ба фармонбарон.

Аз он кӯҳ лашкар ҳаме дид шоҳ
Чапу росту қалбу ҷиноҳи сипоҳ.

Чу бархост овои кӯс аз ду рӯй,
Бирафтанд мардони пархошҷӯй.[1]

Ту гуфтӣ, замин кӯҳи оҳан шудаст,
Сипеҳр аз бари хок душман шудаст.

Чу Хусрав бар он гуна-бар кор дид,
Фалак пуд диду замин тор[2] дид.

Ба Яздон ҳаме гуфт бар паҳлавӣ,
Ки «аз бартарон пок бартар туви.

Кӣ баргардад аз разми имрӯз шод,
Кӣ донад чунин ҷуз ту, эй покзод!

Киро бахт хоҳад шудан кундрав,
Сари найзаи ӯ шавад хору хав?»

Дилу ҷони Хусрав пурандеша буд,
Ҷаҳон пеши чашмаш яке беша буд.

Чу бугсист Кут аз миёни сипоҳ
Аз оҳан ба кирдори кӯҳи сиёҳ.

Биёмад дамон аз миёни гурӯҳ,
Чу наздиктар шуд бад-он бурзи кӯҳ,

Ба Хусрав чунин гуфт, к-«эй сарфароз,
Нигаҳ кун, ки он бандаи девсоз,[3]

Ки бо ӯ ба Эрон баромехтӣ,
Чун ӯ комрон шуд, ту бугрехтӣ.

1. И –б. 1733–1736 нест.
2. Л –тор диду замин қор
3. Л –дерсоз.

www.sattor.com

Бубин аз чапи лашкару дасти рост,
Ки то[1] аз миёни бузургон куҷост.

Кунун то биёмӯзамаш корзор,
Бубинад[2] дилу зӯри мардони кор».

Чу бишнид Хусрав зи Кут ин сухан,
Дилаш гашт пурдарди разми куҳан,

Ки ӯ гуфт: «Аз банда бугрехтӣ,
Силеҳи саворон фурӯ рехтӣ».

Варо з-он сухан ҳеҷ посух надод,
Дилаш гашт пурхуну лаб пур зи бод.

Чунин гуфт пас Кутро шаҳрёр,
Ки «рав пеши он марди аблақсавор.

Чу бинад туро, пешат ояд ба ҷанг,
Ту магрез, то лаб нахоӣ зи нанг».

Чу бишнид Кут ин сухан, бозгашт,
Чунон шуд, ки бо бод ҳамбоз гашт.

Ҳаме рафт ҷӯшону[3] найза ба даст,
Ба овардгаҳ рафт чун пили маст.

Ялонсина Баҳромро бонг кард,
Ки «бедор бош, эй савори набард!

Ки омад яке дев чун пили маст,
Каманде ба фитроку найза ба даст».

Чу Баҳром бишнид, теғ аз ниём
Бароҳехт чун боду баргуфт ном.

Чу Хусрав чунин дид, бар пой хост,
Аз он кӯҳсар сар баровард рост.

Ниҳода ба Куту ба Баҳром чашм,
Ду дида пур аз обу дил пур зи хашм.

1. И – ӯ
2. И – Бубинӣ
3. И – шодону

www.sattor.com

Чу румӣ ба найза даромад зи ҷой,
Ҷаҳонҷӯй бар ҷой бифшурд пой.

Чу найза наёмад бар ӯ коргар,
Ба рӯй андаровард ҷангӣ сипар.

Яке теғ зад бар сару гарданаш,
Ки то сина бубрид тира танаш.

Чу овози теғаш ба Хусрав расид,
Бихандид, к-он захми Баҳром дид.

Ниётуси ҷангӣ бихобид чашм,
Аз он хандаи Хусрав омад ба хашм.

Ба Хусрав чунин гуфт, к-«эй номдор,
На некӯ бувад ханда дар корзор.

Туро нест аз разм[1] ҷуз кимиё,
Дилат хуфта бинам ба кини ниё.

Чу Кути ҳазора ба Эрону Рум
Набинанд харгиз ба ободбум.

Бихандӣ ҳаме з-он, ки ӯ кушта шуд,
Чунон дон, ки бахти ту баргашта шуд».

Бад-ӯ гуфт Хусрав: «Ман аз куштанаш
Нахандам ҳаме в-аз бурида танаш.

Чунон дон, ки ҳар кас ки дорад фусӯс,
Ҳам ӯ ёбад аз чархи гарданда кӯс.

Маро гуфт, к-аз банда бугрехтӣ,
Набудат ҳунар, то[2] наёвехтӣ.

Аз он банда бугрехтан нест нанг,
Ки захмаш бад-ин сон бувад рӯзи ҷанг.

В-аз он рӯй Баҳром овоз дод,
Ки «эй номдорони фаррухнажод,

1. ИЛ – Рум
2. Л – ё

www.sattor.com

Ялонсинаву Рому Эзадгушасп!
Мар ин куштаро баст бояд бар асп.

Фиристед аз эдар ба лашкаргаҳаш,
Бад-он то ба дида[1] бубинад шаҳаш.

Тани Кутро зуд[2] бар пушти зин
Ба тангӣ бубастанд мардони кин.

Давон асп бо марди гарданфароз
Ҳаме шуд ба лашкаргаҳи хеш боз.

Дили Хусрав аз Кут шуд дардманд,
Кушоданд аз он мард[3] банди каманд.

Бад-он хастагиш андар оганд мушк,
Бифармуд пас, то-ш карданд[4] хушк.

Ба карбос дардӯхташ ҳамчунон,
Зиреҳ дар бару танг баста миён.

Ба наздики қайсар фиристод боз,
Ки шамшери ин бандаи девсоз[5]

Бар ин гуна буррад ҳаме рӯзи ҷанг,
Агар з-ӯ ҳазимат шудан[6] нест нанг.

Ҳама румиён дилшикаста шуданд,
Ба дил пок, беҷанг хаста шуданд.

Ҳаме рехт битриқи румӣ сиришк,
Ҳама рух пур аз обу дил пур зи рашк.

Биёмад зи гарданкашон даҳ ҳазор,
Ҳама ҷосалиқони[7] гурду савор.

Яке ҳамла бурданд аз он сон, ки кӯҳ
Бидаррид аз овози румигурӯҳ.

1. Л – буридан
2. Л – низ
3. Л – кушта
4. Л – то бидӯзанд
5. Л–дерсоз
6. Л – шавӣ,
7. ИЛ – ҷосалиқону

www.sattor.com

Чакочок бархосту бонги сарон,
Ҳамон захми шамшеру гурзи гарон.

Ту гуфтӣ, ки дарё биҷӯшад ҳаме,
Сипеҳри равон бархурӯшад[1] ҳаме.

Зи бас кушта андар миёни сипоҳ
Бимонданд, бар ҷою барбаст роҳ.

Аз он румиён кушта шуд лашкаре,
Ҳар он кас, ки буд з-он далерон саре.

Дили Хусрав аз дарди эшон бихаст,
Тани хастаи зиндагонро бубаст.

Ҳама куштагонро ба ҳам дарфиканд,
Тале гашт бар сони кӯҳи баланд.

Ҳаме хондандиш Баҳромчид,
Бибуррид Хусрав зи румӣ умед.

Ҳаме гуфт, «Агар марди румӣ ду бор
Кунад ҳам бар ин гуна дар корзор.

Ҷаҳонро ту бе лашкари Рум дон,
Ҳамон[2] теғи пӯлодашон мум дон».

Ба Саргис[3] чунин гуфт пас шаҳрёр,
Ки «фардо мабар ҷангиёнро ба кор.

Ту фардо баросой, то ман сипоҳ
Биёрам бар[4] эрониён кинахоҳ».

Ба эрониён гуфт: «Фардо ба ҷанг
Шуморо бибояд шудан бедиранг».

Ҳама вижа гуфтанд, к-«эдун кунем
Ки кӯҳу биёбон пур аз хун кунем».

1. Л–хун хурӯшад
2. Л – Ҳама
3. Л – румӣ
4. Л – аз

www.sattor.com

ҶАНГИ ПАҲЛАВОНОНИ ХУСРАВ БО БАҲРОМИ ЧӮБИНА

Чу барзад зи дарё дирафши сапед,
Ситора шуд аз тирагӣ ноумед.

Табиразанон аз ду пардасарой
Бирафтанд бо пилу бо карраной.

Хурӯш омад аз ною аз говдум,
Ҳам аз кӯҳаи пилу рӯинаҳум.

Ту гуфтӣ, ки чунбад ҳама[1] дашту роғ,
Шуда рӯи хуршед чун парри зоғ.

Чу эрониён баркашиданд саф,
Ҳама найзаву теғи ҳиндӣ ба каф.

Замин сарбасар гуфтӣ аз ҷавшан аст,
Ситора зи нӯки синон равшан аст.

Чу Хусрав биёрост он қалбгоҳ,
Ҳама дил гирифтанд яксар сипоҳ.

Варо майманадор Гурдӯй буд,
Чу[2] гурду далеру[3] ҷаҳонҷӯй буд.

Ба дасти чапаш номдор арманӣ
Або ҷавшану теғи оҳарманӣ.

Мубориз чу Шопуру чун Андиён
Бад-он ҷанг-бар танг баста миён.

Ҳаме буд Густаҳм бар дасти[4] шоҳ,
Ки дорад мар ӯро зи душман нигоҳ.

Чу Баҳроми ял румиёнро надид,
Дирангӣ шуду хомушӣ баргузид.

1. Л – бичунбад ҳаме
2. Л – Ки
3. Л – далери
4. И – пеши

www.sattor.com

Бифармуд, то кӯс бар пушти пил
Бубастанду шуд рӯи[1] гетӣ чу нил.

Нишаст аз бари пушти пили сафед,
Ҳамовардаш аз бахт шуд ноумед.

Ҳаме ронд он пил то маймана,
Ба Шопур гуфт: «Эй бади бадтана!

На паймона-т он[2] буд ба нома- дарун,
Ки пеши ман ой бад-ин дашти[3] хун?[4]

На ин бошад оини озодагон,
Ҳаме тан ба куштан диҳӣ ройгон».

Бад-ӯ гуфт Шопур, к-«эй девфаш,
Сари хеш дар бандагӣ карда каш!

Аз ин нома кай буд ному нишон,
Ки гӯӣ ҳаме пеши гарданкашон?!»

Гаронмоя Хусрав ба Шопур гуфт,
Ки «он нома бо ройи ӯ буд ҷуфт.

Ба нома ту подош ёбӣ зи ман,
Ҳамон номдорони ин анҷуман.

Чу ҳангом бошад, бигӯям туро,
Аз андешаи бад бишӯям туро».

Чу Баҳром овози Хусрав шунид,
Ба андеша он ҷодуиҳо[5] бидид,

Барошуфт аз он кору нанг омадаш,
Чу арғунда шуд, ройи чанг омадаш.

Ҷафопеша бар пил танҳо бирафт,
Сӯи қалби Хусрав хиромид тафт.

1. И – Бибасту шуд аз гард
2. Л – ин
3. Л – оварӣ доварӣ дасти
4. И – б. 1816 нест.
5. Л –ҷодуиро

www.sattor.com

Чу Хусрав чунон дид бо Андиён,
Чунин гуфт, к-«эй наррашери жиён!

Бар он пил-бар тирборон кунед,
Камонҳо[1] чу абри баҳорон кунед».

Аз эрониён он ки буд рӯзбеҳ,
Камон барниҳоданд як-як[2] ба зеҳ.

Зи пайкон чунон гашт хартуми пил,
Ки гуфтӣ, шуд аз хастагӣ пил[3] нил.

Ҳам он гоҳ Баҳром болой хост,
Яке миғфаре хусраворой хост.

Ҳамон тирборон гирифтанд боз
Бар он аспи Баҳроми гарданфароз.

Пиёда шуд он марди пархошх(в)ар,
Зиреҳ доманашро бизад бар камар.

Сипар бар сар оварду шамшери тез
Баровард аз он ҷангиён растахез.

Пиёда зи Баҳром бугрехтанд,
Камонҳои чочӣ фурӯ рехтанд.

Яке бора бурданд ҳам дарзамон,
Сипаҳбад нишаст аз бари ӯ дамон.

Хурӯшон ҳаме тохт то қалбгоҳ,
Ба ҷое куҷо шоҳ буд бо сипоҳ.

Ҳама қалбгаҳ пок дарҳам[4] дарид,
Дирафши ҷаҳондор шуд нопадид.

В-аз он ҷойгаҳ шуд сӯи маймана,
Паси пушти озодагон буд[5] буна.[6]

---

1. И – Камонро
2. Л – яксар
3. Л – ҳамчу
4. Л-барҳам: И – Ҳаме қалбгаҳ пок барҳам
5. Л – озодасону
6. ТПЗИ – Чу Хусрав бидид он сӯи майсара,
Ҳаме тохт чун гург бинад бара.

www.sattor.com

Нигаҳбони он дашт Гурдӯй буд,
Ки марди далеру ҷаҳонҷӯй буд.

Бародар чу рӯи бародар бидид,
Камонро ба зеҳ карду андаркашид.

Ду хунӣ бар он сон баровехтанд,
Ки гуфтӣ ба ҳамшон баромехтанд.

Бар ин сон замоне даромад дароз,
Ҳаме як зи дигар нагаштанд боз.

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«эй бепадар,
Ба хуни бародар бубандӣ[1] камар?»

Бад-ӯ гуфт Биндӯй, к-«эй бешагург,
Ту нашнидӣ он достони бузург,

Ки ҳар к-ӯ бародар бувад, дӯст беҳ,
Чу душман шавад[2], бепаю пӯст беҳ.

Ту ҳам[3] хуниву бадтану риманӣ,
Ҷаҳонофаринро ба дил душманӣ.

Ба пеши бародар бародар ба ҷанг
Наёяд, агар бошадаш ному нанг».

Чу бишнид Баҳром, аз ӯ бозгашт,
Барошуфту бо ӯ дижам соз гашт.

Ҳаме ронд Гурдӯй то пеши шоҳ
Рамида[4] шуда рӯи ҷангӣ сиёҳ.

Бар ӯ офарин кард Хусрав бамеҳр,
Ки подош бодат зи[5] гардонсипеҳр!

Зи пеши саф омад сӯи қалбгоҳ,
Чу шуд ҷунб-ҷунбон далерони шоҳ.

1. ИЛ – чи бандӣ
2. ИЛ – бувад,
3. Л – чун
4. ИЛ – Аз оҳан
5. И – бо ройи ту бод

www.sattor.com

Фиристод Хусрав ба Шопур кас,
Ки Мӯсилро бош фарёдрас.

Бикӯшед, бо[1] пушт пушт оваред,
Магар бахти равшан ба мушт оваред.

Ба Густаҳм гуфт он замон шаҳрёр,
Ки «гар ҳеҷ румӣ кунад корзор--

Чу Баҳроми ҷангӣ шикаста шавад,
В-агар низ дар ҷанг хаста шавад,

Ҳама румиён сар ба гардун баранд,
Суханҳо аз[2] андоза берун баранд.

Нахоҳам, ки румӣ шавад сарфароз,
Ба мо - бар кунанд андар ин ҷанг ноз.

Бидидам ҳунарҳои румӣ ҳама,
Ба сони рама рӯзгори дама.

Ҳамон беҳ, ки мо[3] бо сипоҳ андаке
Зи Чӯбина овард хоҳам яке.

Нахоҳам бад-ин кор ёрӣ зи кас,
Паноҳам[4] ба Яздони фарёдрас.

Бад-ӯ гуфт Густаҳм, к-«эй шаҳрёр,
Ба ширинравонат махӯр зинҳор.

Чу роят чунин аст, мардон гузин,
Макун тан ҳалок андар ин дашти кин».

Бад-ӯ гуфт Хусрав, ки «ин аст рӯй,
Ки гуфтӣ, зи лашкар кунун ёр ҷӯй».

Гузин кард Густаҳм аз Эрон савор
Даҳу чор гарданкаши номдор.

1. Л– ҳам
2. Л – зи
3. ИЛ – ман
4. ИЛ – Умедам

www.sattor.com

Нахустин аз ин ҷангиён доми хеш
Набишта биёварду бинҳод пеш.

Дигар гурд Шопур бо Андиён,
Чу Биндӯю Гардӯйи пушти каён,

Чу Озаргушаспу агар[1] Шердил,
Чу Зангӯйи густох бо шеру пил.

Тухора, ки дар ҷанг ғамхора буд,
Ялонсинаро зишт патёра буд.

Фарухзоду чун Хусрави сарфароз,
Чу Аштоди пирӯзи душмангудоз,

Чу Фархунда Хуршед бо Урмузд,
Ки душман будӣ пеши эшон фурузд.[2]

Чу мардони з-ин сон гузин кард ҳафт,
Зи лашкар ба як сӯ хиромид тафт.

Чунин гуфт Хусрав бад-ин меҳтарон,
Ки «эй сарфарозону фармонбарон!

Ҳама пуштро[3] сӯи Яздон кунед,
Дили хешро шоду хандон кунед.

Ҷуз аз хоси Яздон набошад сухан,
Чунин буд, то буд чархи куҳан.

Ба разм -андарун кушта беҳтар бувад,
Ки бар мо яке банда меҳтар бувад.

Нигаҳдори ман буд бояд ба ҷанг,
Ба ҳангоми ҷунбиш накардан[4] диранг».

Ҳама ҳамзабон офарин хонданд,
Варо шаҳрёри замин хонданд.

1. Л – дигар
2. ТПЗ – Ҳамон пешрав буд Густаҳми гурд,
Ки дар ҷанг ӯ буд бо дастбурд.
3. Л – рӯйро
4. Л – нашояд

www.sattor.com

Бикарданд паймон, ки аз шаҳрёр
Касе барнагардад бад-ин рӯзгор.

Сипаҳдор[1] бишниду ором ёфт,
Хуш омад-ш, к-аз кеҳтарон[2] ком ёфт.

Сипаҳро ба Баҳроми фаррух супурд,
Ҳаме рафт бо чордаҳ марди гурд.

Ҳамон гаҳ хурӯш омад аз дидагоҳ,
Ба Баҳром гуфтанд, к-«омад сипоҳ».

Ҷаҳонҷӯи бедордил барнишаст
Каманде ба фитроку теғе ба даст.

Зи боло чу он моя мардум бидид,
Тане чанд аз он ҷангиён баргузид.

Ялонсинаро гуфт, к-«ин баднажод
Ба ҷанг- андарун доди мардӣ бидод,

Ки ман донам, акнун ҷуз ӯ нест ин,
Ки ёрад чамидан бар ин дашти кин.[3]

Бад-ин моя мардум ба ҷанг омадаст,
Магар пеши коми наҳанг омадаст.

Фузун нест бо ӯ сарафроз бист,
В-аз эшон надонам касеро, ки кист.

Ба Эзадгушаспу Ялонсина гуфт,
Ки «мардон надоранд мардӣ нуҳуфт.

Бар он бист аз[4] мо чаҳорон басем,
В-агар боз[5] оем аз ин,[6] нокасем.

Набояд, ки мо беш бошем чор,
Зи Хусрав маро бахт беш аст ёр».

1. Л – Ҷаҳондор
2. Л – в-аз меҳтарон: И – омад-шу аз меҳтарон
3. Л – К-аз эшон касеро надонам чунин.
4. Л – Гар он бистанд,
5. Л – камтар
6. Л – ӯ,

www.sattor.com

Яке буд, кучо номи ӯ Ҷонфурӯз,
Ки тирашабо[1] баргузидӣ зи рӯз.

Сипаҳро бад-ӯ доду худ пеш рафт,
Ҳаме рафт бо ӯ[2] се бедор тафт.

Чу Баҳромро дид Хусрав зи роҳ,
Ба эрониён[3] гуфт, к-«омад сипоҳ.

Кунун ҳеч дилро мадоред танг,
Ки омад маро рӯзгори диранг.

Ману гурзу Чӯбинаи баднишон,
Шумо разм созед бо саркашон.

Шумо чордаҳ ёру эшон се тан,
Мабодо, ки бинем[4] ҳаргиз шикан.

Ниётус бо лашкари румиён
Бубастанд ночор яксар миён.

Бирафтанд аз он размгаҳ сӯи кӯҳ,
Ки дидор будӣ ба ҳар ду гурӯҳ.

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки пурмоя шоҳ,
Чаро чон фурӯшад зи баҳри кулоҳ?

Бимонад[5] бар ин дашт чандин савор,
Шавад[6] хира танҳо сӯи корзор.

Ҳама даст бар осмон доштанд,
Ки ӯро ҳаме кушта пиндоштанд.

Чу Бахроми чангӣ барангехт асп,
Ялонсинаву гурди Эздгушасп.

1. ИЛ – тирашабон
2. Л – Ҳаме ронд бо ин: И – он
3. Л – Ба ёрон чунин
4. И – бинед
5. Л – Бимонда
6. И– Равад

www.sattor.com

Буриданд[1] ёрон зи Хусрав ҳама,
Шуд он гургу ин номдорон рама.[2]

Чу Густаҳму Биндӯю Гурдӯй монд,
Гаве тоҷвар номи Яздон бихонд.

Ҷаҳондор ночор баргошт асп,
Пас- андар ҳаме тохт Эзадгушасп.

Ба Густаҳм гуфт он замон шаҳрёр,
Ки танг андаромад маро рӯзгор.

Чӣ боист ин беҳуда растахез,
Чу диданд[3] пушти ман андар гурез?

Бад-ӯ гуфт Густаҳм, к-«омад савор,
Ту танҳо шудан[4] чун[5] кунӣ корзор?»

Нигаҳ кард Хусрав паси пушти хеш,
Аз он чор Баҳромро дид пеш.

Ҳаме дошт танро зи душман нигоҳ,
Бибуррид баргустувони сиёҳ.

Аз ӯ бозмонданд ҳар се савор,
Паси пушти ӯ душмани кинадор.[6]

Ба пеш андаромад яке ғори танг,
Се ҷангӣ пас- андар ба сони паланг.

Буни ғор ҳам баста омад зи кӯҳ,
Бимонд он ҷаҳондор дур аз гурӯҳ.

Фуруд омад аз асп фаррух ҷавон,
Пиёда бар он кӯҳ баршуд давон.

1. Л – Бididанд
2. ТПЗ – Шуданд он ҳама ёри Хусрав нажанд,
Чу диданд он деви ҷаста зи банд.
3. Л – ки бинанд
4. И – шудӣ,
5. И – Ки бинанд?
6. И – б. 1911 нест.

www.sattor.com

Пиёда шуду роҳ ҳам[1] баста шуд,
Дили номдор андар[2] он хаста шуд,

На ҷои дирангу на роҳи[3] гурез,
Пас - андар ҳаме рафт Баҳром тез.

Ба Хусрав чунин гуфт, к-«эй пурфиреб,
Ба пеши фарози ту омад нишеб.

Бари ман чаро тохтӣ, ҳуши хеш
Ниҳода бар ин гуна бар дӯши хеш?»

Чу шуд з-ин нишон кор бар[4] шоҳ танг,
Паси пушт шамшеру аз[5] пеш санг.

Ба Яздон чунин гуфт, к-«эй кирдгор,
Туӣ бартар аз гардиши рӯзгор!

Бад-нн ҷои бечорагӣ даст гир,
Ту бошӣ, нанолам ба Кайвону Тир».

Ҳамон гаҳ чу аз кӯҳ баршуд хурӯш,
Падид омад аз роҳ фаррух Сурӯш.

Яке ҷомааш[6] сабзу хинге ба зер,
Зи дидори ӯ гашт Хусрав далер.

Чу наздик шуд, дасти Хусрав гирифт,
Зи Яздони пок ин набошад шигифт.

Чу аз пеши бадхоҳ бардошташ,
Ба осонӣ оварду бугзошташ.

Бад-ӯ гуфт Хусрав, ки «номи ту чист?»
Ҳаме гуфт чандеву чанде гирист.

Фаришта бад-ӯ гуфт: «Номам Сурӯш,
Чу эмин шудӣ, дур бош аз хурӯш.

---

1. Л – роҳи ӯ
2. Л – номдорон аз: И – номдорон бар
3. Л – ҷои
4. Л – кор з-он сон абар
5. Л – шамшер в-аз
6. ИЛ – Ҳама ҷомаҳо

www.sattor.com

Ту з-ин пас шавӣ дар ҷаҳон подшо,
Набояд, ки бошӣ ҷуз аз порсо».[1]

Бигуфт ину пас гашт аз ӯ нопадид,
Кас андар ҷаҳон ин шигифтӣ надид.

Чу он дид Баҳром, хира бимонд,
Ҷаҳонофаринро фаровон бихонд.[2]

Ҳаме гуфт, то ҷанги мардум бувад,
Мабодо, ки мардӣ зи ман гум бувад.

Чунон шуд,[3] ки ҷангам кунун бо парист,
Бар ин бахти тира бибояд гирист.[4]

Ниётус аз он рӯй бар кӯҳсор
Ҳаме хост аз додгар зинҳор.

Харошид Марям ду рухсори[5] хеш
Зи тимори ҷуфти ҷаҳондори хеш.

Сипаҳ буд бар дашт[6], ҳомуну роғ,
Дили румиён з-он[7] пур аз дарду доғ.[8]

Ба Марям чунин гуфт, к-«эдар нишин,[9]
Битарсам,[10] ки шуд шоҳи Эронзамин».

Ҳамон гоҳ Хусрав аз он[11] рӯи кӯҳ
Падид омад аз роҳу[12] дур аз гурӯҳ.

---

1. Л – Пас аз б. 1928 ин б. омада:
   Бад-ин зудӣ - андар ба шоҳӣ расӣ,
   Бар ӯ солиён бугзарад бисту сӣ.
2. ТПЗ - Барафтод ларза бар андоми ӯй,
   Чу дидаш ҳама кор бо коми ӯй.
3. ИЛ –Бад-он буд,
4. ТПМ – В-аз ин рӯй Баҳром шуд пур зи дард,
   Пушаймон шуда з-он ҳама коркард.
5. Л – гулнори
6. Л – кӯҳу
7. Л – буд
8. ТПЛМ – Ниётус чун рӯи Хусрав надид,
   Имории заррин ба як сӯ кашид.
9. Л – гуфт: «Эдар машин»,
10. Л – Ки тарсам,
11. Л – бад-он
12. Л–роҳ,

www.sattor.com

Чунон лашкари номвар шод гашт,
Дили Марям аз дардаш озод гашт.[1]

Чу Хусрав ба наздики Марям расид,
Бигуфт он шигифтӣ, к-аш омад падид.[2]

Чунин гуфт, к-«эй моҳи қайсарнажод,
Маро довари додгар дод дод.

На аз коҳилӣ буд, на аз баддилӣ,
Ки дар ҷанг баддил кунад коҳилӣ.

Дар он ғор беёр дармондам,
Ба дард офаринандаро хондам.

Ниҳон дошт доранда кори ҷаҳон,
Бар ин банда гашт ошкоро ннҳон.

Фаридуни фаррух надид ин ба хоб,
На Туру на Салму на Афросиёб,

Ки имрӯз ман дидам, эй саркашон,
Зи пирӯзиву[3] шаҳрёринишон.

Кунун хашмро тохтан нав кунед,
Ба разм - андарун ёди Хусрав кунед».

ҶАНГИ СЕЮМИ ХУСРАВИ ПАРВИЗ БО БАҲРОМИ ЧӮБИНА ВА ШИКАСТА ШУДАНИ БАҲРОМ

Ҳамон гаҳ зи кӯҳ андаромад сипоҳ,
Ҷаҳон шуд зи гарди саворон сиёҳ.[4]

В-аз он рӯй Баҳром лашкар биронд,
Ба рӯз - андарун рӯшноӣ намонд.

Ҳаме гуфт: «Ҳар кас, ки ронад сипоҳ,
Хирад бояду мардиву дастгоҳ.

1. И –б. 1938 нест.
2. ИЛ – Чу омад ба Марям бигуфт ончи дид,
В-аз он кӯҳи хоро сар андаркашид.
3. Л – пирӯзии
4. ТПЗИЛ – В-аз он рӯй Баҳром шуд пур зи дард,
Пушаймон шуда з-он ҳама коркард.

www.sattor.com

Далерон, ки диданд хишти маро,
Ҳам он паҳлавонӣ сиришти маро,

Маро баргузиданд бар хусравон,
Ба хок афканам номи Нӯшинравон».

Зи лашкар бари шоҳ шуд хира-хир,
Камонро ба зеҳ карду як чӯба тир,

Бизад ногаҳон бар камаргоҳи шоҳ,
Ба каж андаровехт пайкон ба роҳ.

Яке банда чун захми пайкон бидид,
Биёмад, зи дебош берун кашид.[1]

Бизад найзае бар камарбанди ӯй,
Зиреҳ буд, нагсист пайванди ӯй.

Синони[2] сари найза шуд бар ду ним,
Дили марди бероҳ шуд пур зи бим.

Чу бишкаст найза, барошуфт шоҳ,
Бизад теғ[3] бар миғфари кинахоҳ.

Саросар ҳама теғ[4] барҳам шикаст,
Бад-он пайкари миғфар андарнишаст.[5]

Ҳаме офарин хонд, ҳар кас ки дид,
Ҳамон кас, ки овози оҳан[6] шунид.[7]

---

1. ТПМ – Сабук шаҳрёр андаромад дамон,
Ба Баҳроми Чӯбинаи бадгумон.
2. ИЛ – Синону
3. Л – гурз
4. Л – тарг
5. Л – Ҳамон фарқу миғфар ба ҳам дарнишаст.
6. И – миғфар
7. ТПЗ – Ҳама лашкари шоҳ нерӯ гирифт,
К-аз ӯ кори Баҳром оҳу гирифт.
Чу Баҳромро тира шуд хуру моҳ,
Ба ноком бартофт рухро зи шоҳ.
Бидонист, к-он кор бо ранҷ гашт,
Зи мардиву овезиш андар гузашт.
Чу диданд он шермардӣ зи шоҳ,
Биронданд румиву Эронсипоҳ.
Кашиданд шамшери кин ҳамгурӯх,
Яке ҳамла карданд монанди кӯҳ.

www.sattor.com

Гаронмоягон аз пас андаршуданд,
Чунон лашкареро ба ҳам барзаданд.

Хиромид Биндӯй наздики шоҳ,
Ки «эй тоҷи ту бартар аз чархи моҳ!

Яке лашкар аст ин чу мӯру малах,
Гирифта биёбону ҳам[1] регу шах.

На воло бувад хира хун рехтан,
На аз[2] шоҳ бо банда овехтан.

Ҳар он кас, ки хоҳад зи мо зинҳор,
Беҳ аз кушта, ё хаста дар корзор».

Бад-ӯ гуфт Хусрав, ки «ҳар к-аз гуноҳ
Бупечад, бар ӯ ман наям кинахоҳ.

Ҳама пок дар зинҳори мананд,[3]
Ба тоҷ - андарун гӯшвори мананд.[4]

Баромад ҳамон гаҳ[5] шаб аз тира кӯҳ,
Сипаҳ бозгаштанд ҳар ду гурӯҳ.

Баромад[6] ғави посбону ҷарас,
Зи лашкар набуд хуфта бисёр кас.

Ҷаҳонҷӯй Биндӯй аз он ҷо бирафт,
Миёни ду лашкар хиромид тафт.

Зи лашкар гузин[7] кард кундоваре,
Хушовозу гӯё мунодигаре.

Бифармуд, то борагӣ[8] барнишаст,
Ба овоз додан[9] миёнро бубаст.

1. Л – биёбон, ҳама
2. Л – чун
3. ИЛ – манед.
4. ИЛ – манед.
5. Л – дирафши
6. ИЛ – Чу омад
7. ИЛ – нигаҳ
8. Л – тозие
9. Л – бедор кардан

www.sattor.com

Чунин то миёни ду лашкар биронд,
К-аз ӯ то ба душман фаровон намонд.

Хурӯше баровард, к-«эй бандагон,
Гунаҳкардаву бахтҷӯяндагон!

Ҳар он к-аз шумо ӯ гунаҳкортар,
Ба ҷанг- андарун номбардортар,

Ба Яздон-ш бахшид шоҳи ҷаҳон,
Гуноҳе, ки кард ошкору ниҳон.

Ба тирашабон чун баромад хурӯш,
Ниҳоданд ҳар кас ба овоз гӯш.

Ҳама номдорони баҳромиён
Ба рафтан бубастанд як-як[1] миён.

Чу барзад сар аз кӯҳ гетифурӯз,
Заминро ба мулҳам биёрост рӯз.

Ҳама дашт бемарду,[2] хиргоҳ буд,
Ки Баҳром з-он шаб на огоҳ буд.

Бад-он хаймаҳо - дар надиданд кас,
Ҷуз аз вижа ёрони Баҳрому бас.

Чу Баҳром аз он лашкар огоҳ гашт,
Биёмад, бар он хаймаҳо баргузашт.

Ба ёрон чунин гуфт, к-«акнун гурез
Беҳ ояд зи ором бо растахез.

Шутур хост аз сорбон се ҳазор
Ҳаюнони кафафкану пойдор.

Зи чизе ки дар ганҷ буд бурданӣ,
Зи пӯшиданиҳову густурданӣ,[3]

Зи заррину симину аз тахти оҷ,
Ҳамон ёраву тавқи заррину тоҷ-

1. Л – яксар
2. ИЛ – бемарди
3. Л – густурданиҳову афкандани̅,

www.sattor.com

Ҳама бор кардаңду худ барнишаст,
Миён аз пайи бозгаштан бубаст.

ГУРЕХТАНИ БАҲРОМИ ЧӮБИНА АЗ ПЕШИ ХУСРАВ ВА РАСИДАН НАЗДИ ХОҚОНИ ЧИН

Чу хуршеди равшан биёрост гоҳ,
Талоя биёмад зи наздики шоҳ.

Ба пардасарой-андарун кас надид,
Ҳамон хайма бар пою кас нопадид.

Талоя биёмад, бигуфт ин ба шоҳ,
Дили шоҳ шуд танг аз он размхоҳ.[1]

Гузин кард аз он ҷангиён се ҳазор
Зиреҳдору баргустувонвар савор.

Ба Настуҳ фармуд, то барнишаст,
Миёни ялӣ тохтанро бубаст.

Ҳаме ронд Настуҳ дил пур зи дард,
Набуд марди Баҳром рӯзи набард.

Ҳамон низ Баҳром бар[2] лашкараш
Набуд эмин аз доду аз кишвараш.

Ҳаме ронд бероҳу дил пур зи бим,
Ҳаме бурд бо хештан зарру сим.

Ялонсинаву гурд Эзадгушасп
Ба як сӯи лашкар ҳаме ронд асп.

Ба бероҳ лашкар ҳаме ронданд,
Суханҳои шоҳон ҳаме хонданд.

Падид омад аз дур бечора деҳ,
Ки он деҳ набуд аз дари марди меҳ.

Ҳаме ронд Баҳром пеш-андарун,
Пушаймон шуда дил пур аз дарду хун.

1. ИЛ – размгоҳ.
2. Л – бо

www.sattor.com

Чу аз ташнагӣ хушк шуд-шон[1] даҳан,
Биёмад ба хони яке пирзан.

Забонҳо ба чарбӣ биёростанд,
В-аз он пирзан обу нон хостанд.

Зани пир гуфтори эшон шунид,
Яке кӯҳна ғирбол[2] пеш оварид.

Яке пора-пора бигустурд машк,[3]
Ниҳода ба ғирбол-бар нони кашк.[4]

Ялонсина барсам ба Баҳром дод,
Наёмад ҳаме дар ғам аз бож ёд.[5]

Чу кашкин[6] бихӯрданд, май хостанд,
Забонҳо ба замзам биёростанд.

Зани пир гуфт: «Ар маят орзуст,
Май асту яке низ кӯҳна кадуст.

Буридам кадуро, ки нав буд сараш,
Яке ҷом кардам, ниҳодам бараш».

Бад-ӯ гуфт Баҳром: «Чун май бувад,
Аз ин хубтар ҷом худ[7] кай бувад?!»

Зани пир рафту май оварду ҷом,
Аз он ҷом Баҳром шуд шодком.[8]

Яке ҷоми пур бар кафаш барниҳод,
Бад-он, то шавад пирзан низ шод.

Бад-ӯ гуфт, к-«эй моми бофаррахӣ,
Зи кори ҷаҳон чистат огаҳӣ?»

---

1. Л – гашташ
2. ИЛ – ғарбел
3. Л – намақсуд машқ.
4. Л – ғарбел-бар нони хушк.
5. ТПЗИЛ – Гирифтанд божу бихӯрданд нон,
Назора бар он номдорон занон.
6. Л – хушкин
7. Л – ҷомҳо
8. И – б. 2007, 2008 нест.

www.sattor.com

Бад-ӯ пирзан гуфт: «Чандон сухан
Шунидам, к-аз он гашт мағзам куҳан.

Зи шаҳр омад имрӯз бисёр кас,
Ҳама ҷанги Чӯбина гӯянду бас,

Ки шуд лашкари ӯ ба наздики шоҳ,
Сипаҳбад гурезон бишуд бо сипоҳ».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«эй покзан,
Маро андар ин достоне мазан!

Ки ин аз хирад буд Баҳромро,
В-агар баргузид аз хирад комро».

Бад-ӯ пирзан гуфт, к-«эй шӯҳра мард,
Чаро дев чашми туро хира кард?

Надонӣ, ки Баҳром, пури Гушасп
Чу бо пури Ҳурмуз барангехт асп,

Бихандад бар ӯ, ҳар кӣ дорад хирад,
Кас ӯро зи гарданкашон нашмарад».[1]

Бад-ӯ гуфт Баҳром: «Агар орзу
Чунин кард, к-ӯ май хӯрад аз кадӯ,

Бар[2] ин кӯҳна ғирбол-бар[3] нони ҷав
Ҳаме дор дар пеш то ҷавдарав».

Шаб омад, бад-он ҷои тира[4] бихуфт,
Қабоҷомаву ҷавшанаш[5] зер суфт.[6]

На хоб омад ӯро, на ором ёфт,
Ҳаме ком ҷуст ӯву ноком ёфт.[7]

Чу хуршед бар чарх букшод роз,
Сипаҳдори ҷангӣ бизад табл боз.

1. И –б. 2016, 2019 нест.
2. Л – Ту
3. Л – ғирболу ин
4. Л–Бад-он ҳамхӯриш як шаб он ҷо
5. Л – ҷавшане
6. Л – б. 2021 нест.
7. Л –б.2022 нест.

www.sattor.com

Биёвард чандон ки будаш сипоҳ,
Гаронмоягон баргирифтанд роҳ.

Ба раҳ-бар яке найситон буд нав,
Басе андар ӯ мардуми найдарав.[1]

Чу аз дур диданд Баҳромро,
Яке лашкари гашни худкомро.

Ба Баҳром гуфтанд: «Анӯша бадӣ,
Зи роҳи найистон чаро омадӣ?

Фаровон сипоҳ аст пеш-андарун,
Ҳаме ҷангро даст шуста ба хун».

Чунин гуфт Баҳром, к-«эдар савор
Набошад ҷуз аз лашкари шаҳрёр.

Шунидам, ки чун мо зи пардасарой
Басечидани роҳ кардем рой,

Ҷаҳондор бугзид Настуҳро,
Або ӯ яке лашкар анбӯҳро.[2]

Бад-он то биёяд паси мо дамон,
Чу бинам, сар орам бар ӯ-бар замон».

Ҳама аспро тангҳо баркашид,
Ҳама гирд бар гирди лашкар кашид.

Саворон сабук баркашиданд танг,
Гирифтанд шамшери ҳиндӣ ба чанг.

Ҳама найситон оташ андарзаданд,
Сипаҳро якояк ба ҳам барзаданд.[3]

Найистон саросар шуд афрӯхта,
Яке куштаву дигаре сӯхта.

1. И – б. 2024, нест.
2. ТПЗ – Або се ҳазор аз саворони мард,
Куҷо пой доранд рӯзи набард.
3. И – ҳама сар заданд.

www.sattor.com

Чу Настӯҳро дид Баҳроми гурд,
Инон бораи тезтакро супурд.

Зи зин баргирифташ ба хамми каманд,
Бубастанд бемоя дасташ ба банд.[1]

Ҳаме хост Настӯҳ аз ӯ зинҳор,
Ҳаме гуфт, к-«эй номвар шаҳрёр!

Чаро рехт хоҳӣ ҳаме хуни ман?
Бубахшой бар бахти воруни ман.

Макуш мар маро, то давон пеши ту
Биёям, бувам зор дарвеши ту».

Бад-ӯ гуфт Баҳром: «Ман чун ту мард
Нахоҳам, ки ёбам ба дашти набард.

Набуррам саратро, ки нанг оядам,
Ки чун ту саворе ба ҷанг оядам.

Чу ёбӣ раҳоӣ зи дастам, бипӯй,
Зи ман ҳар чӣ дидӣ, ба Хусрав бигӯй».

Чу бишнид Настӯҳ, рӯи замин
Бибӯсиду бисёр кард офарин.

В-аз он беша Баҳром шуд то ба Рай
Або он далерони фархундапай.

Бибуду баросуду з-он ҷо бирафт,
Ба наздики хоқон хиромид тафт.

НОМАИ ХУСРАВИ ПАРВИЗ БА ҚАЙСАР БА ПИРӮЗӢ ВА ПОСУХНОМАИ ҚАЙСАР

Аз он рӯй Хусрав бад-он размгоҳ
Биёмад, ки Баҳром буд бо сипоҳ.

Ҳама размгоҳаш ба тороҷ дод,
Сипаҳро ҳама бадраву тоҷ дод.

1. И – б. 2037, 2038 нест.

www.sattor.com

Яке бораи тезрав[1] барнишаст,
Миёнро зи баҳри парастиш бубаст.

Ба пеш андаромад яке хорсон,
Пиёда бибуд андар он корсон.

Биғалтид бар[2] пеши Яздон ба хок,
Ҳаме гуфт, к-«эй довари доду[3] пок.

Ту душман аз ин бум бардоштӣ,
Ҳама кор аз андоза[4] бугзоштӣ.

Парастандаву носазо бандаам,
Ба фармони доранда[5] пӯяндаам.

В-аз он ҷойгаҳ шуд ба пардасарой,
Биёмад ба наздики ӯ раҳнамой.

Бифармуд, то пеши ӯ шуд дабир,
Набиштанд аз ӯ[6] номае бар ҳарир.

Зи чизе, ки рафт андар он размгоҳ,
Ба қайсар набишт андар он нома шоҳ,

Нахуст офарин кард бар додгар,
К-аз ӯ дид мардиву бахту ҳунар.

Дигар гуфт, к-«аз кирдгори ҷаҳон,
Ҳама некуӣ дидам андар ниҳон.

Ба Озаргушасп омадам бо сипоҳ,
Давон пеш бозомадам кинахоҳ.

Бад-он гуна танг андаромад ба ҷанг,
Ки бар ман бибуд ҷои пайкор танг.

Чу Яздони покаш набуд дастгир,
Бимурд он дами оташи[7] доругир.

1. И – тезтак
2. ИЛ – дар
3. Л – додпок.
4. Л – андеша
5. Л – додор
6. Л – Навиштанд пас
7. ИЛ – отошу

www.sattor.com

Чу бечоратар гашту лашкар намонд,
Гурезон ба шабгир аз эдар биронд.

Ҳама лашкарашро ба ҳам барзадем,
Ба лашкаргаҳаш оташ андарзадем.

Ба фармони Яздони пирӯзгар
Бубандам варо низ роҳи гузар».

Ниҳоданд бар нома-бар мӯҳри шоҳ,
Фиристодагон баргирифтанд роҳ.

Фиристода бо номаи шаҳриёр
Бишуд то дари қайсари номдор.

Чу он нома бархонд қайсар, зи тахт
Фуруд омад он марди бедорбахт.

Ба Яздон чунин гуфт, к-«эй раҳнамой,
Ҳамеша туӣ ҷовидона ба ҷой.

Ту пирӯз кардӣ мар он бандаро,
Кашанда[1] туӣ марди афкандаро.

Фаровон ба дарвеш динор дод,
Ҳамон хӯрданиҳо ба хирвор[2] дод.

Ҳамон номаро низ посух навишт
Ба сони дарахте ба боғи биҳишт.

Сари нома кард аз ҷаҳондор ёд
Худованди пирӯзиву фарру дод.

Худованди моҳу худованди ҳур,
Худованди рӯзу[3] худованди зӯр.

Бузургиву некахтарӣ з-ӯ шинос
В-аз ӯ дор, то зинда бошӣ, сипос.

Ҷуз аз доду хубӣ макун дар ҷаҳон,
Чи дар ошкоро, чи андар ниҳон.

1. Л – Кашида
2. Л – Ҷуз он хӯрданиҳои бисёр
3. ИЛ – фарру

www.sattor.com

Яке тоҷ, к-аз қайсарон ёдгор
Ҳаме дошт, то худ[1] кай ояд ба кор-

Яке хусравӣ тавқу ду гӯшвор,
Саду шаст ҳам[2] ҷомаи зарнигор.

Дигар сӣ[3] шутурвор динор буд,
Ҳам он дурру ёқут бисёр буд.

Яке сабзхафтон ба зар бофта,
Бару шӯшаҳо бар гуҳар тофта.[4]

Салибе фиристод гавҳарнигор,
Яке тахт пургавҳари шоҳвор.

В-аз он файласуфони румӣ чаҳор
Бирафтанд бо ҳадяву бо нисор.[5]

Пазира фиристод Хусрав савор,
Гаронмоягони гиромӣ ҳазор.

Бузургон ба наздики Хусрав шуданд,
Ҳама пок бо ҳадяи нав шуданд.

Чу Хусрав нигаҳ карду нома бихонд,
Аз он хоста дар шигифтӣ бимонд.

Ба дастур гуфт он замон шаҳрёр,
Ки «он ҷомаи руми гавҳарнигор

На оини пурмоя деҳқон бувад,
Ки он ҷомаи ҷосалиқон бувад.

Чу бар ҷомаи мо чалипо бувад,
Нишаст андар оини тарсо бувад.

В-агар ман напӯшам, биёзорад ӯй,
Ҳамоно дигар чиз пиндорад ӯй.

1. Л – Ҳаме доштам то
2. Л – Ҳазору сад аз
3. Л – Зи зар сад
4. Л – Сари шӯшаи зарри бартофта: И – б. 2081 нест.
5. ТПМ – Чу омад ба Хусрав аз он огаҳӣ
Аз он файласуфони бофарраҳӣ.

www.sattor.com

В-агар пӯшам, ин номдорон ҳама
Бигӯянд, к-ин шаҳрёри рама.

Магар к-аз пайи чиз тарсо шудаст,
Ки андар миёни чалипо шудаст».

Ба Хусрав чунин гуфт пас раҳнамой,
Ки «дин нест, шоҳо, ба пӯшиш ба пой.

Ту бар дини Зардушт пайғамбарӣ,
Агарчанд пайвастаи қайсарӣ».

Бипӯшид пас чомаро шаҳрёр,
Биёвехт он тоҷи гавҳарнигор.[1]

Бирафтанд румиву эрониён,
Зи ҳар гунае мардум андар миён.

Касе, к-аш хирад буду он ҷома дид,
Бидонист, к-ӯ ройи қайсар гузид.

Дигар гуфт, к-ин шаҳрёри ҷаҳон,
Ҳамоно, ки тарсо шуд андар ниҳон.

ХАШМ ГИРИФТАНИ НИЁТУС БАР БИНДӮЙ ВА ОШТӢ КАРДАНИ МАРЯМ ДАР МИЁНАШОН

Дигар рӯз Хусрав биёрост гоҳ,
Ба сар барниҳод он каёнӣ кулоҳ.

Ниҳоданд дар гулшани сур хон,
Чунин гуфт пас:[2] «Румиёнро бихон».

Биёмад Ниётус бо румиён,
Нишастанд бо файласуфон ба хон.

Чу Хусрав фуруд омад аз тахти бор
Або ҷомаи руми гавҳарнигор,

Хиромид хандону бар хон нишаст,
Бишуд тез Биндӯй барсам ба даст.

1. ТПЗЛ – Бифармуд, то парда бардоштанд,
Меҳонро зи даргоҳ бугзоштанд.
2. Л – Ба гав гуфт: «Рав»,

www.sattor.com

Ҷаҳондор бигрифту[1] андар ниҳон
Ба замзам ҳаме рой зад бо радон.[2]

Ниётус чун[3] дид, биндохт нон,
Аз[4] ошуфтагӣ бозпас шуд зи хон.

Ҳаме гуфт: «Божу чалипо ба ҳам
Зи қайсар бувад бар Масеҳо ситам».

Чу Биндӯй дид он, бизад пушти даст
Ба хон-бар ба рӯи чалипопараст.

Ғамӣ гашт аз он кор Хусрав, чу дид,
Ба рухсора[5] шуд чун гули шанбалид.

Ба Густаҳм гуфт: «Ин гави бехирад
Набояд, ки бо доваре май хӯрад.

Варо бо Ниётуси румӣ чӣ кор,
Тани хешро кардӣ имрӯз[6] хор».

Ниётус аз он ҷойгаҳ барнишаст,
Ба лашкаргаҳи хеш шуд ниммаст.

Бипӯшид румизиреҳ размро
Зи баҳри табаҳ кардани базмро.

Саворони румӣ ҳама ҷангҷӯй
Ба даргоҳи Хусрав ниҳоданд рӯй.

Ҳам он гаҳ зи лашкар саворе чу бод
Ба Хусрав фиристод руминажод,

Ки Биндӯйи нокас чаро пушти даст
Занад бар рухи марди яздонпараст?!

Гар ӯро фиристӣ ба наздики ман
В-агарна бубин шӯриши анҷуман.

1. Л – бигрифт
2. Л – меҳон.
3. Л – к-он
4. Л – Зи
5. Л – рухсор
6. Л – кард аз ин ҷанг

www.sattor.com

Зи ман беш печӣ аз он каҷраҳӣ,[1]
Ки ҷӯяд хаме тахти шоҳаншаҳӣ».

Чу бишнид Хусрав барошуфту гуфт,
Ки «кас дини Яздон наёрад нуҳуфт.

Каюмарсу Ҷамшед то Кайқубод
Касе аз Масеҳо накарданд ёд.

Мабодо, ки дини ниёкони хеш,
Гузида ҷаҳондору[2] покони хеш

Гузорам, ба дини Масеҳо шавам,
Нагирам ба хон божу тарсо шавам.

Ту танҳо ҳаме кажж гирӣ шумор,
Ҳунар дидам аз румиён рӯзгор».

Ба Хусрав чунин гуфт Марям, ки «ман
Ба пой оварам ҷанги ин анҷуман.

Ба ман деҳ сарафроз Биндӯйро,
Ки то румиён аз пайи рӯйро

Бибинанду бозорамаш тандуруст,
Касе беҳуда ҷанг ҳаргиз наҷуст».[3]

Фиристод Биндӯйро шаҳрёр
Ба назди Ниётус бо даҳ савор.

Ҳамон низ Марям зани ҳушманд,
Ки будӣ лабонаш ҳамеша ба панд.

Бад-ӯ гуфт: «Рав, бо бародар, падар
Бигӯ, эй бадандеша пархошх(в)ар!

Надидӣ, ки бо шоҳ қайсар чӣ кард
Зи баҳри бузургиву нангу набард![4]

1. Л – к-аз он бадраҳӣ,
2. Л – ҷаҳондор
3. И – б. 2021–2124 нест.
4. И –б. 2128 нест.

www.sattor.com

Зи пайванду хешиву аз хоста,
Зи мардону аз ганҷи ороста?!

Ту пайванди хешӣ ҳаме барканӣ,
Ҳамон фарри қайсар зи ман бифканӣ.

Зи қайсар шунидӣ, ки Хусрав зи дин
Бигардад, чу ояд ба Эронзамин?

Надонӣ, ки деҳқон зи дини куҳан
Напечад, чаро хом гӯӣ сухан?

Ту Биндӯйро сар ба оғӯш гир,
Магӯй эч гуфтори нодилпазир.

Гар ӯ аз пайи дин шавад зиштгӯй,
Ту аз бехирад ҳушмандӣ маҷӯй.

Мадеҳ ранҷу кирдори қайсар ба бод,
Мабодо, ки панди ман ояд-т ёд».

Ҳам он Хусраваш дод пайғом низ,
Ки Биндӯйро ман надорам ба чиз.[1]

Ба хуни падар ман ҷигархастаам,
Камар бар миён сӯгро бастаам.

Дили ман саросар пур аз кини ӯст,
Забонам пур аз ранҷу нафрини ӯст.

Чу бишнид Марям, биёмад чу бод,
Бар ӯ-бар чунин достон кард ёд.[2]

Зи Марям Ниётус пазруфт панд,
Наёмад-ш гуфтори ӯ нописанд.[3]

Чу Биндӯйро дид, бар пой хост,
Зи ганҷури пурмоя болой хост.

---

1. И – Пас аз б. 2136 ин б. омада:
Ки дорам аз ӯ дард дар дил басе,
На огоҳ буд з-он сухан ҳар касе.
2. ИЛ –б.2139 нест.
3. ТПЗ – Ҳам аз кори Биндӯй дил кард нарм,
Куҷо дошт аз рӯи Биндӯй шарм.

www.sattor.com

Бипурсиду хандиду кардаш нисор,
Бирафтанд ҳар ду бари шаҳрёр.

Чу Хусрав Ниётусро дид, гуфт,
Ки «некӣ наҷӯяд дили марди зуфт.

Наҷустаст Биндӯй ҷуз шӯру ҷанг,
Ту гетӣ ба мо-бар макун тору танг.[1]

Ба тезӣ мадеҳ ранҷи қайсар ба бод,
Бимон, то бибошем якчанд шод.

Ниётус гуфт: «Эй ҷаҳондор[2] шоҳ,
Хирадмандӣ аз масти румӣ маҳоҳ.

Ту бас кун ба дини ниёкони хеш,
Хирадманд мардум нагардад зи кеш».

Бар ин гуна то шуд суханшон дароз,
Ба лашкаргаҳ омад Ниётус боз.

БОЗГАШТАНИ НИЁТУС ВА РУМИЁН АЗ ЭРОН НАЗДИ ҚАЙСАРИ РУМ

Ба Харроди Барзин бифармуд шоҳ,
Ки ҷои араз[3] созу девон бихоҳ.

Ҳама лашкари румиён арз кун,
Ҳар он кас, ки ҳастанд нав ё куҳун.

Ду девон бидеҳ румиёнро зи ганҷ,
Ба додан набояд, ки бинанд ранҷ.[4]

Касе к-ӯ ба хилъат сазовор буд,
Куҷо рӯзи ҷанг аз дари кор буд.

Бифармуд, то хилъат оростанд,
Зи дар аспи пурмоягон хостанд.

1. И – б. 2139–2144 нест.
2. И – хирадманд: Л – сарафроз
3. Л – Куҷо арзгаҳ
4. И – б. 2150, 2151 нест.

www.sattor.com

Ниётусро дод чандон гуҳар,
Чи аспу парастори[1] зарринкамар.

К-аз андозаи ҳадя бартар гузошт,
Сарашро[2] зи пурмоягон барфарошт.[3]

Ҳар он шаҳр, к-аз Рум бистад Қубод,
Чи Ҳурмуз, чи Кисрои фаррухнажод

Ниётусро доду бинвишт аҳд,
Бар он ҷоми ҳанзал пароканд шаҳд.

Бирафтанд пас румиён сӯи Рум
Аз он марзи ободу ободбум.

Ду манзил бишуд Хусрави сарфароз
Варо кард падруду пас гашт боз.[4]

Дигар ҳафта бардошт бо даҳ савор,
Ки буданд бинодилу номдор.

Зи лашкаргаҳ омад ба Озаргушасп,
Ба гунбад нигаҳ карду бугзошт асп.[5]

Пиёда ҳаме рафт дида пуроб,
Ба зардӣ ду рухсора чун офтоб,

Чу аз дар ба наздики оташ[6] расид.
Шуд аз оби дида рухаш нопадид.

Яке[7] ҳафта мехонд[8] Устову Занд,
Ҳаме гашт бар гирди озар нажанд.

Ба ҳаштум биёмад зи оташкада,
Чу наздик шуд рӯзгори Сада.

1. Л – Ҳам он ҷавшану хӯду
2. Л – Ҳам ӯро
3. И – б. 2154, 2155 нест: Л – баргузошт.
4. ИЛ – б. 2158, 2159 нест.
5. И – б. 2161 нест.
6. И – озар
7. ИЛ – Ду.
8. ИЛ – ҳаме хонд

www.sattor.com

Зи заррину симини гавҳарнигор,
Зи динору аз гавҳари шоҳвор-

Ба оташ бидод, ончи пазруфта буд,
Сухан ҳар чӣ пеши радон гуфта буд.[1]

Ба дарвеш бахшид ганҷе дирам,
Намонд андар он буму бар кас дижам.

В-аз он ҷойгаҳ шуд ба Андев шаҳр,
Ки бардорад аз рӯзи шодиш баҳр,

Ки аз кишвари Шӯрсон буд марз,
Касе хоки ӯро надонист арз.

Ба айвон, ки Нӯшинравон карда буд,
Басе рӯзгор андар он бурда буд.

Гаронмоя кохе[2] биёростанд,
Ҳамон тахти заррин бипеностанд.

Биёмад, ба тахти ниё барнишаст
Ҷаҳондори пирӯзи яздонпараст.

Бифармуд, то пеши ӯ шуд дабир
Ҳамон роҳбар – мӯбади тезвир.[3]

Набиштанд манштури эрониён,
Ба расми бузургону фаррух меҳон.

Бад-он кор Биндӯй буд кадхудой,
Ҷаҳондидаву роду фархундарой.

Хуросон саросар ба Густаҳм дод,
Бифармуд то нав кунад расму дод.

Ба ҳар кор дастур буд Бурзмеҳр,
Дабире ҷаҳондидаву хубчеҳр.

Чу дар коми ӯ дид гарданда чарх,
Бубахшид Доробгирду Ситарх.

1. ИЛ – б. 2167 нест.
2. Л – ҷое
3. ИЛ – дастгир.

www.sattor.com

Ба маншур-бар мӯҳри заррин ниҳод,
Яке дар кафи Ромбарзин ниҳод.

Бифармуд, то сӯи Шопур бурд,
Парастандаву хилъат ӯро супурд.

Дигар мӯҳр Хусрав сӯи Андиён
Бифармуд бурдан ба расми каён.

Ҳама шаҳри Кирмон мар ӯро супурд,
Ки Хусрав варо аз бузургон шумурд.

Дигар кишвареро ба Гурдӯй дод,
Бар он нома-бар мӯҳри заррин ниҳод.

Ба Болӯй дод он замон шаҳри Чоҷ,
Фиристод маншур бо тахти оҷ.

Калиди дари ганҷҳо баршумурд,
Саросар ба пури Тухора супурд.[1]

Бифармуд, то ҳар кӣ меҳтар буванд,
Ба фармони Харроди Барзин шаванд.[2]

Ба гетӣ раванда шавад коми ӯй,
Ба маншурҳо-бар бувад номи ӯй.

Зи лашкар ҳар он кас, ки ҳангоми кор
Бимонданд бо номвар шаҳрёр,

Ҳаме хилъати хусравӣ додашон,
Ба шоҳӣ ба марзе фиристодашон.

Ҳаме гашт гӯё мунодигаре,
Хушовозу бедордил меҳтаре,

Ки «эй зердастони шоҳи замин,
Махонед кас ҷуз ба дод офарин.

Маҷӯед кину марезед хун,
Мабошед бар кори бад раҳнамун.

1. ТПЗ – Чу ин карда шуд, шаҳрёри ҷаҳон
Нигаҳ кард сӯи кеҳону меҳон.
2. Л – раванд.

www.sattor.com

Гар аз зердастон бинолад касе,
Ки аз лашкарӣ ранҷ ёбад басе,

Наёбад ситамгора ҷуз дор ҷой
Ҳамон ранҷи оташ ба дигар сарой.

Ҳама подшоҳед бар ганҷи хеш,
Касеро, ки гирд омад аз ранҷи хеш-

Хӯреду диҳед, он ки доред чиз,
Касе к-у надоранд, хоҳанд низ.

Ба ҳар шорсон-дар яке ганҷи мост,
Зи ранҷи ниёкон, гар аз ранҷи мост.

Ба ганҷур гуфтем, то ҳар кӣ чиз
Надорад, диҳад пӯшишу хӯрд низ.

Наёбад[1] хуриш бомдоди[2] пагоҳ,
Се ман меситонад[3] зи ганҷури шоҳ.[4]

Ба паймон, ки хонад бар ӯ офарин,
Бикӯшад, ки обод дорад замин.

Гар эдун, ки з-инсон бувад подшо,
Беҳ аз донишуманди нопорсо».

ЗОРИИ ФИРДАВСӢ АЗ МУРДАНИ ФАРЗАНДИ ХЕШ

Маро сол бугзашт бар шасту панҷ,
На некӯ бувад, гар биёзам[5] ба ганҷ.

Магар баҳра гирам ман[6] аз панди хеш,
Барандешам аз марги фарзанди хеш.

1. Л – Чу ёбад
2. И – бомдодон
3. Л – май биёбад
4. ТПЗ – Ҷаҳон шуд зи додаш биҳишти барин,
   Ба Парвиз кардан сазад офарин.
5. Л – бинозам
6. ИЛ – баргирам.

www.sattor.com

Маро буд навбат, бирафт он ҷавон,
Зи дардаш манам чун тани беравон.

Шитобам ҳаме, то магар ёбамаш,
Чу ёбам, ба беғора биштобамаш.

Ки навбат маро буд, бе коми ман
Чаро рафтиву бурдӣ ороми ман.

Зи бадҳо ту будӣ маро дастгир,
Чаро роҳ ҷустӣ зи ҳамроҳи пир.

Магар ҳамраҳони ҷавон ёфтӣ,
Ки аз пеши ман тез биштофтӣ?

Ҷавонро чу шуд сол бар сиву ҳафт,
На бар орзу рафт[1] гетӣ, бирафт.

Ҳаме буд ҳамвора бо ман дурушт,
Барошуфту якбора бинмуд пушт.

Бирафту ғаму ранҷаш эдар[2] бимонд,
Дилу дидаи ман ба хун дарнишонд.

Кунун ӯ сӯи рӯшноӣ расид,
Падарро ҳаме ҷой хоҳад гузид.

Баромад чунин рӯзгоре дароз,
К-аз он ҳамраҳон кас нагаштанд боз.

Ҳамоно маро чашм дорад ҳаме,
Зи дер омадан хашм дорад ҳаме.

Маро шасту панҷу варо сию[3] ҳафт,
Напурсид аз ин пиру танҳо бирафт.

Вай андар шитобу ман андар диранг,
Зи кирдорҳо то чӣ ояд ба чанг.

Равони ту доранда равшан кунод,
Хирад пеши ҷони ту ҷавшан кунод!

---

1. ИЛ – ёфт
2. Л – дарду ранҷаш
3. Л – Варо сол сӣ буд, маро шасту

www.sattor.com

Ҳаме хоҳам аз довари кирдгор,
Зи рӯзидеҳи пок парвардгор,

Ки яксар бубахшад гуноҳи туро,[1]
Дурахшон кунад тирагоҳи туро![2]

ДОСТОНИ БАҲРОМИ ЧӮБИНА БО ХОҚОНИ ЧИН

Кунун достонҳои дерина гӯй,
Суханҳои Баҳроми Чӯбина гӯй,

Ки чун ӯ сӯи шаҳри туркон расид,
Ба назди сарону бузургон расид,

Зи гурдони бедордил даҳ ҳазор
Пазира шудандаш гузида савор.

Писар бо бародар-ш пеш-андарун,
Або ҳар яке мӯбаде раҳнамун.

Чу омад бари тахти хоқон фароз,
Бар ӯ офарин карду бурдаш намоз.

Чу хоқон варо дид, бар пой ҷаст,
Бибӯсиду бистурд рӯяш ба даст.

Бипурсид бисёраш аз ранҷи роҳ,
Зи ранҷу[3] зи пайкори шоҳу сипоҳ.

Ҳам Эзадгушаспу Ялонсинаро
Бипурсиду гурдони пуркинаро.[4]

Чу Баҳром бар тахти симин нишаст,
Гирифт ошно дасти хоқон[5] ба даст.

1. Л –варо,
2. Л – тирамоҳи варо.
3. Л – ҷангу
4. ИЛ – Бипурсид Харроди Барзинаро.
5. И – хусрав

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт, к-«эй меҳтари б-офарин,
Сипаҳдору[1] солори туркону[2] Чин!

Ту донӣ, ки аз шаҳрёри ҷаҳон
Набошад касе эмин андар ниҳон.

Биёсояд[3] аз ранҷ, бигзоядаш,
Таносон зияд, ранҷ бифзоядаш.

Гар эдун ки эдар пазирӣ маро,
Ба ҳар неку бад даст гирӣ маро,

Бад-ин марзи боарз[4] ёри туам,
Ба ҳар неку бад дастёри[5] туам.

В-агар ҳеҷ ранҷ оядат, бугзарам,
Заминро саросар ба пай биспарам.

Гар эдун, ки бошӣ ту ҳамдостон,
Аз эдар шавам сӯи Ҳиндустон».

Бад-ӯ гуфт хоқон, ки «эй сарфароз,
Бад-ин рӯз ҳаргиз мабодат ниёз.

Бидорам туро ҳамчу пайванди хеш,
Чи пайванд, бартар зи[6] фарзанди хеш.

Ҳама бум бо ман бад-ин ёваранд,
Агар кеҳтаронанд, агар меҳтаранд.

Туро бар сарон сарфарозӣ диҳам,
Ҳам аз меҳтарон бениёзӣ диҳам».

Бад-ин низ Баҳром савганд хост,
Забон буду бар ҷони ӯ банд хост.

Бад-ӯ гуфт хоқон: «Ба бартар Худой,
Ки ҳаст ӯ марову туро раҳнамой,

1. И – Сипаҳдор
2. Л – туркони.
3. Л –Баросояд
4. ИЛ- беёр
5. ИЛ – ғамгусори
6. Л – бал ҳамчу

www.sattor.com

Ки то зиндаам, вижа ёри туам,
Ба ҳар неку бад ғамгусори[1] туам».

В-аз он пас ду айвон биёростанд,
Зи ҳар гунае ҷомаҳо хостанд.

Парастандаву пӯшишу хӯрданӣ,
Зи чизе ки боист густурданӣ-

Зи заррину симин, ки ояд ба кор,
Зи динору[2] аз гавҳари шоҳвор.

Фиристод хоқон ба наздики ӯй,
Дурахшанда шуд ҷони торики ӯй.

Ба чавгону маҷлис ба дашти шикор
Нарафтӣ магар, к-ӯ будӣ ғамгусор.

Бар ин гуна мебуд ҳокони Чин,
Ҳамехонд Баҳромро офарин.

Яке номдоре, ки буд ёри уй,
Ба разм андарун дастбардори ӯй.

Аз ӯ меҳ ба гавҳар Мақотура ном,
Ки хоқон аз ӯ ёфтӣ ному ком.

Ба шабгир наздики хоқон шудӣ,
Ду лабро ба ангушти худ барзадӣ.

Бар он сон ки кеҳтар кунад офарин,
Бар он номбардор солори Чин.

Ҳамон гоҳ динор бурдӣ ҳазор,
Зи ганҷи ҷаҳондидаи номдор.

Ҳаме буд Баҳром якчанд гоҳ,
Ба хоқон ҳаме кард хира нигоҳ.

Бихандид, як рӯз гуфт: «Эй баланд,
Туӣ бар меҳони ҷаҳон арҷманд!

1. Л – Ҳама чокару дӯстдори.
2. М – дебову

www.sattor.com

Ба ҳар бомдоде, ба ҳангоми бор
Чунин турк динор ёбад[1] ҳазор.

Ба бахшиш гар ин бистгонӣ[2] бувад,
Ҳама баҳри ӯ зарри конӣ бувад».

Бад-ӯ гуфт хоқон, ки «оини ман[3]
Чунин асту ороиши дини ман,[4]

Ки аз мо ҳар он кас, ки ҷангитар аст,
Ба ҳангоми сахтӣ дирангитар аст,

Чу хоҳад фузунӣ, надорем боз,
Ҳаме оз варзад ба роҳи ниёз.

Фузунӣ мар ӯрост бар мо кунун,
Ба динор хонем бар вай фусун.

Чу з-ӯ бозгирам, бичӯшад сипоҳ,
Зи лашкар шавад рӯзи равшан сиёҳ».

Ҷаҳонҷӯй гуфт: «Эй сари анҷуман,
Ту кардӣ варо чира бар хештан.

Чу бошад ҷаҳондор бедору гурд,
Ҷаҳонро ба кеҳтар набояд супурд.

Агар з-ӯ раҳонам туро шоядат
В-агар вижа озарми ӯ боядат?»

Бад-ӯ гуфт хоқон, ки «фармон туро́ст,
Бад-ин орзу рою паймон туро́ст.

Маро гар тавонӣ раҳонид аз ӯй,
Сар оварда бошӣ ҳама гуфтугӯй».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«акнун пагоҳ
Чу омад Мақотура динорхоҳ,

1. Л – Чу ин турк динор хоҳад: И – Чунин бадра динор бояд
2. Л–бешгонӣ
3. Л – мо
4. Л--мо.

www.sattor.com

Маханду бар ӯ ҳеҷ макшой чашм,
Мадеҳ посухаш, гар диҳӣ, ҷуз ба хашм».

Гузашт он шабу бомдоди[1] пагоҳ
Биёмад Мақотура динорхоҳ.

Ҷаҳондор хоқон бад-ӯ нангарид,
На гуфтори он турки ҷангӣ шунид.

Зи хоқон Мақотура омад ба хашм,
Якояк барошуфту букшод чашм.

Ба хоқон чунин гуфт, к-«эй номдор,
Чаро гаштам имрӯз пеши ту хор?

Ҳамоно ки ин меҳтари порсӣ,
Ки омад бад-ин марз бо ёр сӣ,

Бикӯшад ҳаме, то бупечӣ зи дод,
Сипоҳи туро дод хоҳад ба бод».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«эй ҷангҷӯй,
Чаро тез[2] гаштӣ бад-ин гуфтугӯй?

Чу хоқон барад роҳи[3] фармони ман,
Хирадро напечад зи паймони ман.

Намонам, ки ойӣ ту ҳар бомдод,
Таносон диҳӣ ганҷи ӯро ба бод.

Бар он не, ки ҳастӣ ту сесад савор,
Ба разм-андарун шер гирӣ шикор.

Наярзад, ки ҳар бомдоди пагоҳ
Ба харвор динор хоҳӣ зи шоҳ».

Мақотура бишнид гуфтори ӯй,
Сараш[4] гашт пуркин зи озори[5] ӯй.[6]

1. И – бомдодон
2. Л – хира
3. Л – рою
4. И – Дилаш
5. И – бозори
6. Л – пурдарду пуроб рӯй.

www.sattor.com

Ба хашму ба тундӣ биёзид чанг,
Зи таркаш биёвард[1] тири ханданг.

Ба Баҳром гуфт: «Ин нишони ман аст,
Ба разм – андарун тарҷумони ман аст.

Чу фардо биёӣ бад-ин боргоҳ,
Ҳаме дор пайкони моро[2] нигоҳ».

Чу бишнид Баҳром, шуд тезчанг,
Биёмад яке теғи ҳиндӣ ба чанг.

Бад-ӯ доду гуфт: «Ин туро ёдгор,
Бидору бубин, то кай ояд ба кор!»[3]

Мақотура аз пеши хоқон бирафт,
Биёмад сӯи хиргаҳи хеш тафт.

КУШТА ШУДАНИ МАҚОТУРА БА ДАСТИ БАҲРОМИ ЧӮБИНА

Чу шаб домани тира андаркашид,
Сапеда зи кӯҳи сияҳ бардамид.

Мақотура пӯшид хафтони ҷанг,
Биёмад яке теғи турӣ[4] ба чанг.

Чу Баҳром бишнид, болой хост,
Ҳамон ҷавшани хусраворой хост.

Гузиданд ҷое, ки ҳаргиз паланг
Бар он шаххи беоб нанҳод чанг.[5]

Чу хоқон шунид ин сухан, барнишаст,
Бирафтанд туркони хоқонпараст.

Бад-он кор то з-ин ду шери дамон
Киро пештар хоҳад омад замон.

1. ИЛ – баровард
2. Л – ӯро
3. И – б. 2287 нест.
4. И – ҳиндӣ
5. Л – дашту ҳомун нарафтӣ ба ҷанг.

www.sattor.com

Мақотура чун шуд ба дашти набард,
Зи ҳомун ба абр андаровард гард.

Ба Баҳроми гарданкаш овоз дод,
Ки «акнун зи мардӣ чӣ дорӣ ба ёд?!

Ту хоҳӣ бад-ин ҷанг шуд[1] пешдаст
В-агар шердил турки хоқонпараст».

Бад-ӯ гуфт Баҳром: «Пешӣ ту кун,
Ки ин пай ту афкандӣ андар[2] сухун».

Мақотура кард аз ҷаҳондор ёд,
Ду зоғи камонро ба зеҳ барниҳод.

Зеҳу тир бигрифт шодон ба даст,
Чу шуд ғарқи пайкон-ш, букшод шаст.

Бизад бар камаргоҳи марди савор,
Насуфт оҳан аз оҳани обдор.

Замоне ҳаме буд Баҳром дер,
Ки то шуд Мақотура аз ҷанг сер.

Мақотура пиндошт, к-ӯ шуд табоҳ,
Хурӯшиду баргашт аз он размгоҳ.

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«эй размҷӯй,[3]
Накуштӣ маро, сӯи хиргаҳ мапӯй.

Ту гуфтӣ сухан, бошу посух шунав,
Агар бишнавӣ, зинда монӣ, бирав!»

Нигаҳ кард ҷавшангузоре хаданг,
Ки оҳан шудӣ пеши ӯ мумранг.[4]

Бизад бар миёни савори далер,
Сипаҳбад шуд аз разму динор[5] сер.

1. Л – будан ҷангро
2. Л – Куҷо пай ту афкандаӣ ин
3. Л – ҷангҷӯй,
4. ИЛ – нарму санг.
5. Л – пайкор

www.sattor.com

Мақотура чун ҷангро[1] барнишаст,
Бародар ду пояш ба зин-бар[2] бубаст.

Ба рӯй андаромад ду дида пуроб,
Ҳамон зини турӣ шудаш ҷои хоб.[3]

Чу хаста шуд аз тир, бар зин бимонд,
Зада шуд ва ҳам аспи ҷангӣ биронд.

Ба хоқони Чин гуфт, к-«эй комҷӯй,
Ҳаме гӯркан хоҳад ин номҷӯй».

Бад-ӯ гуфт хоқон, ки «беҳтар бубин,
Ки ӯ зинда хуфтаст бар пушти зин».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«эй пурманаш,
Ҳам акнун ба хок андарояд танаш.

Тани душмани ту чунин хуфта бод,
Ки ӯ хуфта бар аспи туринажод.

Саворе фиристод хоқон далер
Ба наздики он номдори чу шер.

Варо баставу кушта диданд хор,
Баросуда аз гардиши рӯзгор.

Бихандид хоқон ба худ[4] дар ниҳон,
Шигифт омадаш з-он савори ҷаҳон.

Пурандеша шуд, то ба айвон расид,
Кулоҳаш зи шодӣ[5] ба кайвон расид.

Силеҳу дирам хосту аспу раҳӣ,
Ҳам он тоҷу ҳам[6] тахти шоҳаншаҳӣ.

Зи динору аз гавҳари шоҳвор,
Зи ҳар гунае олати корзор.

1. Л – хингро
2. Л –зин-дар
3. Л –б. 2309 нест.
4. Л – ба дил
5. Л – айвон
6. Л – зевару

www.sattor.com

Фиристода аз пеши хоқон бибурд,
Ба ганҷури Баҳроми ҷангӣ супурд.

КУШТАНИ ДАД ДУХТАРИ ХОҚОНРО

Чу чанде баромад бар ин рӯзгор,
Шабу рӯз осоиш омӯзгор.[1]

Чунон буд, ки дар кӯҳи Чин он замон
Даду дом будӣ фузун аз гумон.

Даде буд меҳтар зи аспе ба тан,
Ба сар-бар ду гесӯ сияҳ чун расан.

Танаш зарду гӯшу даҳонаш сиёҳ,
Надидӣ кас ӯро магар гармгоҳ.[2]

Ду чангаш ба кирдори чанги ҳизабр,
Хурӯшаш ҳаме баргузаштӣ зи абр.

Варо шери каппӣ ҳаме хонданд,
Зи ранҷаш бару бум дармонданд.

Савору пиёда кашидӣ ба дам,
Шуда рӯз аз ӯ бар далерон дижам.

Яке духтаре дошт хоқон чу моҳ,
Агар[3] моҳ дорад ду зулфи сиёҳ.[4]

Ду лаб[5] сурху бинӣ чу мехи[6] дирам,
Ду беҷода хандон, ду наргис дижам.

Бад-он духт ларзон будӣ мому боб,
Агар тофтӣ бар сараш офтоб.

---

1. ТП – Ҳаме буд Баҳром бо хобу х(в)ард,
Баросуда аз кори нангу набард.
2. Л –гоҳ-гоҳ.
3. Л– Куҷо
4. Л – Пас аз б. 2329 ин б. омада:
Ба дунболи чашмаш яке хол буд,
Ки чашми худаш ҳам ба дунбол буд.
5. Л – рух
6. Л – теғи

www.sattor.com

Чунон буд, ки рӯзе биёмад ба дашт,
Ҳаме гирди он марғзорон бигашт.[1]

Ҷаҳондор хоқон зи баҳри шикор
Ба даште дигар буд аз он марғзор.

Ҳамон низ хотун ба кох-андарун
Ҳаме рой зад бо яке раҳнамун.

Бишуд духтараш то бад-он марғзор,
Або духтарону маю майгусор.

Чу он шери каппӣ зи кӯҳаш бидид,
Фуруд омад, ӯро ба дам даркашид.

Ба як дам шуд ӯ[2] аз ҷаҳон дар ниҳон,
Сар омад бар он хубчеҳра[3] ҷаҳон.

Чу хоқон шунид ин, сияҳ кард рӯй,
Ҳамон модараш низ барканд мӯй.

Зи дардаш ҳамасола гирён шуданд,[4]
Чу бар оташи тез бирён шуданд.[5]

Ҳаме чора ҷустанд аз он аждаҳо,
Ки то Чин биёбад зи сахтӣ раҳо.

Чу Баҳром ҷанги Мақотура кард
В-аз он марди ҷангӣ баровард гард.

Ҳаме рафт хотун ба дидори ӯ,[6]
Ба ҳар кас ҳаме гуфт кирдори ӯ.[7]

Чунон буд, ки як рӯз дидаш савор,
Зи Эрон ҳамон низ сад номдор.

Пиёда фаровон ба пеш-андарун,
Ҳаме ронд Баҳром бо раҳнамун.

1. Л – гузашт.
2. Л – шуда
3. Л – мар он хубрухро
4. Л – буданд,
5. Л – буданд.
6. Л – ӯй,
7. Л – ӯй.

www.sattor.com

Бипурсид хоқон,[1] ки «ин мард кист,
Ки бо бурзу бо фарраи эзадист?»

Чунин дод посух варо пешкор,
Ки «ҳаст ин яке номвар шаҳрёр».[2]

Дигар[3] гуфт: «Кеҳтар, ки дурӣ зи ком,
Ки Баҳроми ялро надонӣ ба[4] ном?

Ба Эрон ба якчанд гав[5] шоҳ буд,
Сари тоҷи ӯ бартар аз моҳ буд.

Бузургон-ш хонданд[6] Баҳроми гурд,
Ки аз хусравон номи гурдӣ[7] бибурд.

Кунун то биёмад аз Эрон ба Чин,
Биларзад ҳаме зери аспаш замин.

Худованд хонад ҳаме меҳтараш,
Ҳаме тоҷи шоҳӣ ниҳад бар сараш».

Бад-ӯ[8] гуфт хотун,[9] ки «бо фарри ӯй,
Сазад, гар бинозем дар парри ӯй.

Яке орзу з-ӯ бихоҳам дуруст,
Чу хоқон нагардад дар ин кор суст.

Бихоҳад магар з-аждаҳо кини ман,
Бар ӯ бишнавад[10] дарду нафрини ман».

Бад-ӯ гуфт кеҳтар гар ин[11] достон,
Бихонӣ бар ин[12] меҳтари ростон.

1. Л – хотун
2. Л – б. 2346 нест.
3. Л – Бад-ӯ
4. Л – ту
5. М – якчанд гаҳ.
6. Л – хонанд
7. Л – гӯйи мардӣ
8. Л – Чунин
9. Л – хоқон
10. Л – баршавад
11. Л – Ба посух чунин гуфт, к-ин
12. Л – Агар хонӣ, эй

www.sattor.com

Ту аз шери каппӣ наёбӣ нишон,
Магар куштаву гург пояш кашон.

Чу хотун шунид ин сухан, шод гашт,
Зи тимори он духтар озод гашт.

Ҳаме тохт, то пеши хоқон расид,
Якояк бигуфт, ончи диду шунид.

Бад-ӯ гуфт хоқон, ки «оре, бувад,
Ба ҷое ки чун ман саворе бувад.

Ҳаме шери каппӣ барад духтарам,
Бигӯем,[1] нангӣ шавад гавҳарам.[2]

Бидонед, к-он аждаҳои дижам,
Ҳаме кӯҳи оҳан рабояд ба дам.

Агар духтари шоҳ номӣ бувад,
Ҳам он шоҳро ҷон гиромӣ бувад».

Бад-ӯ гуфт хотун, ки «ман кини хеш
Бихоҳам зи баҳри ҷаҳонбини хеш.

Агар нанг бошад ва гар номи ман,
Бигӯям, барояд магар коми ман».

Баромад бар ин низ рӯзи дароз,
Зан он кин зи ҳар кас ҳаме дошт роз.

Чунон буд, ки хоқон яке сур кард,
Ҷаҳонро аз он сур пурнур[3] кард.

Фиристод, Баҳроми ялро бихонд,
Чу омад-ш бар тахти симин нишонд.

Чу хотун паси парда ово шунид,
Бишуд тезу Баҳроми ялро бидид.

Фаровон-ш бистуду кард офарин,
Ки обод бодо ба ту Турку Чин!

1. Л – Бигӯям, ки
2. Л – кишварам.
3. Л – Меҳонро бад-он сур ранҷур

www.sattor.com

Яке орзу хоҳам аз шаҳрёр,
Ки бошад бад-ин орзу комгор».

Бад-ӯ гуфт Баҳром: «Фармон туроcт,
Бад-ин орзу кому паймон туроcт».

Бад-ӯ гуфт хотун, к-«аз эдар на дур,
Яке марғзор аст зебои сур.

Ҷавонони Чин андар он марғзор
Яке ҷашн созанд гоҳи[1] баҳор.

Аз он беша бартар яке тирвор,
Яке кӯҳ бинӣ сияҳтар зи қор.

Бад-он кӯҳи хоро яке аждаҳост,
Ки ин кишвари Чин аз ӯ дар балост.

Яке шери каппиш хонад ҳаме,
Дигар низ номаш надонад ҳаме.

Яке духтарам буд зи хоқони Чин,
Ки хуршед кардӣ бар ӯ офарин.

Зи айвон бишуд сӯи он ҷашнгоҳ,
Чу хоқон ба нахчир шуд бо сипоҳ.

Биёмад зи кӯҳ аждаҳои дижам,
Кашид он ҷаҳонбини моро ба дам.

Кунун ҳар баҳоре бад-он марғзор,
Чунон ҳам биёяд зи баҳри шикор.

Бад-он шаҳрҳо – дар[2] ҷавоне намонд,
Ҳамон номвар паҳлавоне намонд

Шуданд аз бади Шери Каппӣ ҳалок,
Барангехт з-ин буми обод хок.

Саворони ҷангиву мардони кор
Басе тохтанд андар он кӯҳсор.

1. Л – к-ояд
2. Л – Бад-ин шаҳри мо-дар

www.sattor.com

Чу аз дур бинанд чанголи ӯй,
Бару пушту гӯшу[1] сару ёли ӯй.

Биғуррад, бидаррад дили марди ҷанг,
Мар ӯро чи шеру чи пилу[2] наҳанг.

Кас андарнаёрад шудан пеши ӯ,
Чу гирад шумор аз каму беши ӯ».

Бад-ӯ гуфт Баҳром: «Фардо пагоҳ
Биёям, бубинам ман он ҷашнгоҳ.

Ба неруи Яздон, ки ӯ дод зӯр,
Баланд офаринандаи моҳу ҳур

Бипардозам аз аждаҳо ҷашнгоҳ,
Чу шабгир моро намоянд роҳ».

КУШТА ШУДАНИ ШЕРИ КАППӢ БАР ДАСТИ БАҲРОМИ ЧӮБИНА

Чу пайдо шуд аз осмон гарди моҳ,
Шаби тира бифшонд зулфи сиёҳ.

Пароканда гаштанду мастон шуданд,
В-аз он ҷой ҳар кас ба айвон шуданд.

Чу пайдо шуд он фарри хуршеди зард,
Бупечид зулфи шаби ложвард.

Кажоганд пӯшид Баҳроми гурд,
Гиромӣ танашро ба Яздон супурд.

Каманду камон бурду се[3] чӯба тир,
Душоха яке найза нахчиргир.

Чу омад ба наздики он бурзкӯҳ,
Бифармуд, то бозгардад гурӯҳ.

Бад-он Шери Каппӣ чу наздик шуд,
Ту гуфтӣ бар ӯ кӯҳ торик шуд.

1. Л – пушти ӯву
2. Л – бабру
3. Л – сад

www.sattor.com

Миён андар он кӯҳи хоро бубаст,
Ба хамми каманд аз бари зин нишаст.

Камонро бимолиду бар зеҳ ниҳод,
Зи Яздони некидиҳиш кард ёд.

Шуд он Шери Каппӣ ба чашма дарун,
Биғалтид дар обу омад бурун.

Ки бар аждаҳо чун шудӣ мӯй тар,
Набудӣ бар ӯ тири кас коргар.

Чу дид аждаҳо, к-ин савори далер
Ҳаме ояд аз дур чун наррашер,

Ба кин кард дандону чангол тез,
Шуд аз кинаи ӯ сараш пурситез.[1]

Биғурриду барзад бар он санг даст,
Ҳаме оташ аз кӯҳи хоро биҷаст.

Ҳаме омад он аждаҳои дижам,
Ки Баҳромро андарорад ба дам.

Камонро бимолид Баҳроми гурд,
Ба тир аз ҳаво рӯшноӣ бибурд.

Хаданге биандохт шери[2] далер,
Тани шери каппӣ шуд аз ҷанг сер.

Дигар тир Баҳром зад бар сараш,
Фурӯ рехт чун об хун аз бараш.

Ҳаме дид нерӯю оҳанги ӯй,
Се дигар бизад тир бар чанги ӯй.

Чаҳорум кушод аз миёнаш каманд,
Биҷаст аз бари кӯҳсори баланд.

Бизад найзае бар миёни дада,
Ки шуд санги хоро ба хун ожада.

1. Л –б. 2401, 2402 нест.
2. Л –марди

www.sattor.com

Аз он пас ба шамшер ёзид мард,[1]
Тани аждаҳо зад, ба ду ним кард.[2]

Сар аз тан-ш бубриду[3] бифканд хор
В-аз он пас фуруд омад аз кӯҳсор.

Ба наздики хоқон хиромид шод,
Суханҳои Каппӣ ҳаме кард ёд.[4]

Дар[5] он беша хоқону хотун бирафт,
Давону дамон то сари[6] кӯҳ тафт.

Гирифташ сипаҳдори Чин дар канор
В-аз он пас варо хондӣ шаҳрёр.[7]

Хурӯше даромад[8] зи гурдони Чин,
К-аз овоз гуфтӣ бидаррад[9] замин.

Ба Баҳром-бар офарин хонданд,
Басе зарру гавҳар барафшонданд.[10]

Чу хоқони чинӣ ба айвон расид,
Фиристодаи меҳрубон баргузид.

Фиристод сад[11] бадра ганҷи[12] дирам,
Ҳамон бардаву ҷомаву[13] бешу кам.[14]

---

1. Л – даст,
2. Л – аждаҳоро бибуррид паст.
3. Л – ҷудо карду
4. Л – б. 2413 нест.
5. Л – Аз
6. Л – бари
7. ТПЛ – Чу хотун бишуд, дасти ӯ бӯс* дод,
Бирафтанд гурдони хоқоннажод.**
* Л – бӯса. ** Л – фаррухнажод.
8. Л – баромад
9. Л – биларзад
10. Л – Варо шоҳи Эронзамин хонданд.
11. Л – даҳ
12. Л – ганҷу
13. Л –гавҳару
14. ТПМ– Ки рав пеши Баҳроми ҷангӣ, бигӯй,
Ки наздики мо ёфтӣ обрӯй.
Паси пардаи мо яке духтар аст,
Ки бар тораки бонувон афсар аст.
Кунун гар бихоҳӣ зи ман духтарам,
Супорам ба ту лашкару кишварам.,

www.sattor.com

Бифармуд, то пеши ӯ шуд дабир,
Набиштанд маншури[1] ӯ бар ҳарир.

Ба Баҳром дод он замон[2] духтараш,
Ба фармони ӯ шуд ҳама кишвараш.

Бар оини Чин хилъат оростанд,
Фаровон кулоҳу камар хостанд.

Бад-ӯ гуфт: «Ҳар кас, к-аз Эрон сар аст,
Бубахш ин мар ӯро,[3] киро дарх(в)ар аст.

Ҷуз аз хӯрду доду шикораш набуд,
Ғами гардиши рӯзгораш набуд.

Бузургони чинӣ ба гирдаш фароз,[4]
Ба Баҳроми[5] ял доштандӣ ниёз.

Ҳама Чин ҳаме гуфт, мо бандаем,
Зи баҳри ту андар ҷаҳон зиндаем.

ОГОҲӢ ЁФТАНИ ХУСРАВИ ПАРВИЗ АЗ КОРИ БАҲРОМ ВА НОМА НАВИШТАН БА ХОҚОН

Ҳаме хӯрд Баҳрому бахшид чиз,
Бар ӯ ҳар касе офарин кард низ.

Чунин то хабарҳо ба Эрон расид,
Бари подшоҳи далерон расид

Ки Баҳромро подшоҳиву ганҷ
Аз они ту беш аст нобурда ранҷ,

Пур аз дард шуд шаҳ[6] зи тимори ӯ,[7]
Дилаш гашт печон зи кирдори ӯ.[8]

Бад-ӯ гуфт Баҳром: «Боре равост,
Ҷаҳондор бар бандагон подшост».

1. Л – аҳде аз ӯ
2. Л – дигар
3. Л – Бубахшу бубин то
4. Л – чунин гарданфароз,
5. Л – Баҳром – бар
6. Л – дарду ғам шуд
7. Л – ӯй,
8. Л – ӯй.

www.sattor.com

Ҳаме рой зад бо бузургон ба ҳам,
Басе гуфту андохт бар бешу кам.

Шаби тира фармуд, то шуд дабир
Сари хомаро кард пайкони тир.

Ба ҳоқони чинӣ яке нома кард,
Ту гуфтӣ, ки аз ханҷараш хома кард.

Нахуст офарин кард бар кирдгор,[1]
Тавонову донову парвардгор-[2]

Барорандаи ҳуру кайвону моҳ,
Нишонандаи шоҳ бар пешгоҳ,

Газояндаи ҳар кӣ ҷӯяд бадӣ,
Физояндаи дониши эзадӣ.

Зи нодониву ҳам зи норостӣ,
Зи кажживу каммиву аз костӣ-

Битобӣ чу гӯӣ, ки Яздон якест,
Варо ёру ҳамтову анбоз нест.

Биёбад ҳар он кас, ки некӣ биҷуст,
Мабод он, ки ӯ дасти бадро бишуст.

Ҳар он кас, ки ӯ роҳи Яздон гузид,
Сар аз носипосӣ бибояд кашид.[3]

Яке банда буд шоҳро носипос,
На меҳтаршиносу на яздоншинос.

Яке хурд бемоя, бе боб[4] буд,
Падар баркашидаш, ки бебоб[5] буд.[6]

---

1. Л – як Худой,
2. Л – Ки ӯй аст бар некувӣ раҳнамой.
3. ТПЗ – Дигар гуфт: «Баҳроми Чӯбина ном,
Ки ҳаргиз ба гетӣ мабинод ком».
4. Л – хурди бекому беном
5. Л – ҳангом
6. ТПЗ – Чу шоҳи ҷаҳон мар варо баркашид,
Ҳамон кард, к-аз гавҳари ӯ сазид.

www.sattor.com

Ниҳон нест кирдори ӯ дар ҷаҳон
Миёни меҳону миёни кеҳон.

Кас ӯро напазруфт, к-аш моя буд
В-агар дар хирад бартарин поя буд.

Ба назди ту омад, бипазруфтияш,
Чу пурмоягон даст бигрифтияш.

Касе ин на баргирад аз ростон,
Наям ман бад-ин кор ҳамдостон.[1]

Набояд, ки бебар кунӣ номи хеш,
Ба Баҳром бифрӯшӣ ороми хеш.

Чу ин нома оранд наздики ту,
Пурандеша кун ройи борики[2] ту.

Гар он бандаро пой карда ба банд,
Фиристӣ сӯи мо, бувӣ[3] судманд.

В-агарна фиристам зи Эрон сипоҳ,
Ба Тӯрон кунам рӯзи равшан сиёҳ.

Чу он нома наздикн хоқон расид,
Бад-он гуна гуфтори Хусрав[4] шунид.

Фиристодаро гуфт: «Фардо пагоҳ
Чу ой ба дар, посухи нома хоҳ».

Фиристода омад диле пуршитоб,
Набуд з-он сипас ҷои орому хоб.

Ҳаме буд то шамъи рахшон бидид,
Ба даргоҳи хоқони чинӣ давид.

Биёвард хоқон ҳамон гаҳ дабир
Або хомаву мушку чиниҳарир.

1. ТПЗ – Фаромӯш кардӣ магар кори ӯй,
Ки озурда гаштӣ зи тимори ӯй.
Ки зад бар сарат тозиёна басе,
Писандида н-омад абар ҳар касе.
2. Л – торики
3. Л – Бари мо фиристӣ, бувад
4. Л – Бар ин гуна гуфторҳошон

www.sattor.com

Ба посух навишт офарини меҳон,
Зи ман банда-бар кирдгори ҷаҳон.

Дигар гуфт, к-«он нома бархондам,
Фиристодаро пеш биншондам.

Ту бо бандагон гӯй аз ин сон сухан,
Назебад аз он хонадони куҳан.

Ки кеҳро надонанд яксар зи меҳ,
На меҳро нишонанд бар ҷои кеҳ.

Ҳама Чину Тӯрон саросар мараст,
Ба Ҳайтол-бар низ афсар марост.[1]

Наям, то будам, марди паймоншикан,
Ту бо ман чунин достонро мазан.

Чу ман дасти Баҳром гирам ба даст,
В-аз он пас ба аҳд андарорам шикаст,

Нахонад маро мардум[2] аз оби пок,
Ҷуз аз пок Яздон маро нест бок.

Туро гар бузургӣ бияфзоядӣ,
Хирад бошадӣ, бештар шоядӣ».

Бар он нома-бар мӯҳр бинҳоду гуфт,
Ки «Бо бод бояд, ки гардӣ ту ҷуфт».

Фиристода омад ба наздики шоҳ,
Ба як моҳ камтар бипаймуд роҳ.

Чу бархонд он номаро шаҳрёр,
Бипечиду тарсон шуд аз рӯзгор.

Фиристоду эрониёнро бихонд,
Суханҳои хоқон саросар биронд.

Ҳамон нома бинмуду бархонданд,
Бузургон ба андеша дармонданд.

1. Л – фармон равост.
2. Л – довар.

www.sattor.com

Чунин ёфт посух аз эрониён,
Ки «эй фарри авранду тоҷи каён!

Чунин корҳо бар дил осон магир,
Яке рой зан бо хирадманди пир.

Ба нома чунин кор н-ояд ба бун,
Макун тира он шамъи фарри куҳун[1].

Гузин кун аз Эрон яке марди пир,
Хирадманду гӯёву гурду дабир,

К-аз эдар ба наздики хоқон шавад,
Сухан гӯяду ройи ӯ бишнавад.

Бигӯяд, ки Баҳром рӯзи нахуст,
Кӣ буду пас аз паҳлавонӣ чӣ ҷуст?

Ҳаме буд, то кори ӯ гашт рост,
Худовандро з-он сипас банда хост,

Чу некӯ нагардад ба як моҳ кор,
Бимонад[2] ба соле, кашад[3] рӯзгор.

Чу Баҳром домоди хоқон бувад,
Аз ӯ бад сурудан на осон бувад.

Ба чарбӣ сухан гуфт бояд басе,
Ниҳонӣ набояд, ки донад касе.

СИПОҲ ОРОСТАНИ ХОҚОНИ ЧИН

Аз он пас чу бишнид Баҳроми гурд,
К-аз Эрон ба хоқон касе нома бурд.

Биёмад дамон пеши хоқони Чин,
Бад-ӯ гуфт, к-«эй меҳтари б-офарин!

Шунидам, ки он римани бадҳунар,
Ҳаме нома созад як андар дигар.

1. Л – ин фарри шамъи
2. Л – Бибошад
3. Л – барад

www.sattor.com

Сипоҳе диловар зи Чин баргузин,
Бад-он то туро гардад Эронзамин.

Бигирам ба шамшер Эрону Рум,
Туро шоҳ хонам бад-он марзу бум.

Ба номи ту бо посбонон ба шаб
Ба Эронзамин баркушоянд лаб.

Бибуррам сари Хусрави бадҳунар,
Ки на пой бодо аз эшон, на сар.

Чу ман кеҳтариро бубандам миён,
Зи бун барканам тухми Сосониён».

Чу бишнид хоқон, пурандеша гашт,
Варо дар дил андеша чун беша гашт.

Бихонд он касоне ки буданд пир,
Сухангӯву донандаву ёдгир.

Бад-эшон бигуфт он чи Баҳром гуфт,
Ҳама розҳо баркушод аз нуҳуфт.

Чунин ёфт посух зи фарзонагон,
Зи хешони наздику бегонагон:

Ки корест ин хору душвор низ,
Ки бар тухми Сосон пур омад қафиз.

Валекин чу Баҳром ронад сипоҳ,
Намояд ба марди хирадманд роҳ.

Ба Эрон басе дӯстдораш бувад,
Чу хоқон яке хешу[1] ёраш бувад.

Барояд ба бахти ту ин кор зуд,
Суханҳои[2] Баҳром бояд шунуд.

Чу бишнид хоқон, дил тоза[3] гашт,
Бихандиду бар дигар андоза гашт.

1. Л – пушту
2. Л – Суханҳо зи
3. Л – дилаш тоза

www.sattor.com

Бар он барниҳоданд яксар гавон,
Ки бугзид бояд ду марди ҷавон.

Ки зебад бар он ҳар ду тан меҳтарӣ,
Ҳам он ранҷкаш бошаду лашкарӣ.

Ба Чин - андарун буд Ҳаснӯй ном,
Дигар саркаше буд, Зангӯй ном.

Фиристод хоқон, ялонро бихонд,
Ба девони динор додан нишонд.

Чунин гуфт меҳтар бад-ин ҳар ду мард,
Ки «ҳушёр бошед рӯзи набард.

Ҳамеша ба Баҳром доред чашм,
Чи ҳангоми шодӣ, чи ҳангоми хашм.

Гузарҳои Ҷайҳун бигиред пок,
Зи Ҷайҳун ба гардун бароред хок».

Сипоҳе диловар бад-эшон супурд,
Ҳама номдорону шерони[1] гурд.

Баромад зи даргоҳи Баҳром кӯс,
Рухи шед аз гард шуд обнӯс.

Зи Чин рӯй яксар ба Эрон ниҳод,
Ба рӯзи сипандормуз, бомдод.

ФИРИСТОДАНИ ХУСРАВ ХАРРОДИ БАРЗИНРО БА НАЗДИ ХОҚОН ВА ЧОРА КАРДАНИ Ӯ АЗ КУШТАН БАҲРОМИ ЧӮБИНАРО

Чу огоҳӣ омад ба шоҳи бузург,
Ки аз беша берун хиромид гург.

Сипоҳе биёвард Баҳроми гурд,
Ки аз осмон рӯшноӣ бибурд.

1. Л – мардони

www.sattor.com

Ба Харроди Барзин чунин гуфт шоҳ,
Ки «бугзин дар ин кор бар хона роҳ.[1]

Ба Эрону Нерон[2] ту донотарӣ,
Ҳамон бар забон ту тавонотарӣ».

Дари ганҷ букшоду чандин гуҳар.
Биёварду шамшеру заррин камар,

Ки Харроди Барзин дар ин хира монд,
Ҳаме дар ниҳон номи Яздон бихонд.

Чу бо ҳадяҳо роҳи Чин баргирифт,
Ба Ҷайҳун яке роҳи дигар гирифт.

Чу наздики даргоҳи хоқон расид,
Нигаҳ карду гӯяндае баргузид.

Бад-он то бигӯяд, ки аз назди шоҳ
Фиристода омад бад-ин боргоҳ.

Чу бишнид хоқон, биёрост гоҳ,
Бифармуд, то баркушоданд роҳ.

Фиристода чун шуд ба тангӣ фароз,
Забон кард гӯёву бурдаш намоз.

Бад-ӯ гуфт: «Ҳар гаҳ ки фармон диҳӣ,
Ба гуфтан забон баркушояд раҳӣ»[3].

Бад-ӯ гуфт хоқон: «Ба ширин забон
Дили мардуми пир гардад ҷавон.

Бигӯ ин суханҳо, ки суд андар ӯст,
Сухан гуфта мағз асту ногуфта пӯст».

Чу Харроди Барзин шунид ин сухан,
Ба ёд омадаш гуфтаҳои куҳан.

---

1. ТП – Яке сӯи хоқони бемоя пӯй,
Сухан ҳар чӣ донӣ, бибояд бигӯй.
2. Л –Тӯрон
3. Л – б. 2518 нест.

www.sattor.com

Нахуст офарин кард бар кирдгор,
Тавонову дорандаи рӯзгор,[1]

Ки чарху замину замон офарид,
Тавоноиву нотавон офарид.[2]

Тавоноӣ ӯрост, мо бандаем,
Ҳама ростиҳош гӯяндаем.[3]

Якеро диҳад тоҷу тахти баланд,
Якеро кунад бандаву мустаманд.

На бо он-ш меҳру на бо ин-ш кин,
Надонад кас ин ҷуз ҷаҳонофарин.

Кеҳу меҳ, ҳама хокро зодаем,
Ба бечора тан маргро[4] додаем.

Нахуст андароям зи Ҷамми барин,
Ҷаҳондор Таҳмураси б-офарин.

Чунин ҳам бирав, то сари Кайқубод,
Ҳам он номдорон, ки дорем ёд.

Чу Кайхусраву Рустами номдор,
Бар ин ҳамнишон то ба Исфандиёр.

Зи гетӣ яке дахма-шон буд баҳр,
Чашиданд бар ҷои тарёк заҳр.

Кунун шоҳи Эрон ба тан хеши туст,
Ҳамон шоду ғамгин ба кам - беши туст.

---

1. Л – донову парвардигор.
2. ТПЛМ – Яке чархи гардандаи* бесутун,
Чаро на ба фармонаш андар,** на чун.
Бар он офарин, к-ӯ чунин офарид,
Баланд осмону замин офарид.
Тавонову донову доранда ӯст,
Сипеҳру заминро нигоранда ӯст.
Ба чарх- андарун офтоб офарид,
Шабу рӯзу орому хоб офарид.

* Л – гарданда шуд. ** Л – фармони ӯ - дар

3. Л – ҷӯяндаем
4. Л – бечорагӣ дил бад-ӯ

www.sattor.com

Ба ҳангоми шоҳони боофарин
Падар, модараш буд хоқони Чин.

Бад-ин рӯз пайванди мо тоза гашт,
Ҳама кор бар дигар андоза гашт.

Зи пирӯзгар офарини ту бод,
Сари тоҷдорон замини ту бод!

Ҳаме гуфту хоқон бад-ӯ дода гӯш,
Чунин гуфт, к-«эй марди донишфурӯш!

Ба Эрон агар низ чун ту кас аст,
Ситояндаи осмон ӯ бас аст».

Дар он гоҳ[1] ҷое бипардохташ,
Ба наздикии хеш биншохташ.

Ба фармони ӯ ҳадяҳо пеш бурд,
Якояк ба ганҷури ӯ баршумурд.

Бад-ӯ гуфт хоқон, ки «бе хоста
Мабодӣ ту андар ҷаҳон коста.

Гар аз ман пазируфт хоҳӣ ту чиз,
Бигӯ, то пазирам ман ин чиз низ.

В-агарна ту аз ҳадя равшантарӣ,
Ба донандагон бар ҷаҳон[2] афсарӣ.

Яке ҷои хуррам[3] бипардохтанд,
Зи ҳар гунае ҷомаҳо сохтанд.

Ба хону шикору ба базму ба май
Ба наздики хоқон будӣ некпай.

Ҳаме ҷусту рӯзеш холӣ биёфт,
Ба мардӣ ба гуфтор андаршитофт.

Бад-ӯ гуфт: «Баҳром бадгавҳар аст,
Аз Оҳармани бадкуниш бадтар аст.

1. Л – Ҳамонгоҳ
2. Л – донандагӣ бар сарон
3. Л – хуррам айвон.

www.sattor.com

Фурӯшад чаҳондидагонро ба чиз,
Ки он чиз гуфтан наярзад ба низ.

Варо Ҳурмузи тоҷвар баркашид,
Ба арҷаш зи хуршед бартар кашид.

Надонист кас дар ҷаҳон номи ӯй,
Ба гетӣ баромад ҳама коми ӯй.[1]

Агар бо ту бисёр хубӣ кунад,
Ба фарҷом паймони ту бишканад.

Чунон ҳам, ки бо шоҳи Эрон шикаст,
На хусравпарасту на яздонпараст.

Гар ӯро фиристӣ ба наздики шоҳ,
Сари шоҳи Эрон барорӣ ба моҳ.

Аз он пас ҳама Чину Эрон турост,
Нишастан ту он ҷо кунӣ, к-ат ҳавост».

Чу хоқон шунид ин сухан, хира гашт,
Ду чашмаш зи дидори ӯ тира гашт.

Бад-ӯ гуфт: «Аз ин сон суханҳо магӯй,
Ки тира кунӣ назди мо обрӯй.

Наям ман бадандешу паймоншикан,
Ки паймоншикан хок ёбад кафан».

Чу бишнид Харроди Барзин сухан,
Бидонист, к-он тозагӣ шуд куҳан,[2]

---

1. ТПМ – Чу фармонраво шуд зи фармони ӯй,
Бурун омад аз аҳду паймони ӯй.
Ба шоҳаншаҳӣ сар баровард рост,
Ки Эрону Нерон саросар марост.

2. ТПЗ – Ба хоқон чунин гуфт, к-«эй шаҳнажод,
Бад-ин сон суханҳо чӣ орӣ ба ёд.
Туро шоҳ беҳтар зи Чӯбина аст,
Ки шоҳат яке хеши дерина аст».
Ба Харрод хоқон дигар бор гуфт,
Ки «ин роз берун кунам аз нуҳуфт.
Агар қайсари Рум паймон шикаст,
Або Хусрав он гаҳ, ки паймон бубаст.
Маро низ шояд, ки чунон кунам,
Або гурд Баҳром дастон кунам.

www.sattor.com

Ки Баҳром додаш ба Эрон умед,
Сухан гуфтани вай шавад боду бед.

Чу уммеди хоқон бад-ӯ тира гашт,
Ба бечорагӣ сӯи хотун гузашт.

2560 Ҳаме ҷуст, то кист наздики ӯ,
Ки равшан кунад ҷони торики ӯ.

Яке кадхудое ба даст омадаш,
Ҳаме низ бо ӯ нишаст омадаш.

Суханҳои Хусрав бар ӯ ёд кард,
Дили марди бедин бад-он шод кард,

Ки наздики хотун маро даст гир,
Бад-он, то шавам бар дараш-бар дабир.

Чунин гуфт бо чорагар кадхудой,
К-«аз ӯ орзуҳо наёяд ба ҷой,

2565 Ки Баҳроми Чӯбина домоди ӯст
В-аз ӯяст Баҳромро мағзу пӯст.

Ту марди дабирӣ, яке чора соз,
В-аз ин кор бар бод макшой роз».

Чу Харроди Барзин шунид ин сухун
На сар дид тимори ӯро, на бун.

Яке турк буд пир, номаш Қулун,
Ки туркон варо доштандӣ забун.

Маро ҳамчу Хусрав ҳазорон раҳист,
Ҳамам гавҳар аз мояи фарраҳист.
Ниёзурд шоҳи туро шоҳи Рум,
Супурдаш варо лашкару ганҷу бум.
Чу Баҳроми ҷангӣ, ки аз ҷанги ӯй
Ба дафтар нависанд фарҳанги ӯй.
Маро ҳаст домоду оразмҷӯй,
Чӣ гуна кашам сар зи паймони ӯй!»
Дигарбора Харрод дилтанг шуд,
Ба чора - дарун сӯи найранг шуд.
Ба андеша бо хештан гуфт мард,
Ки хоқон нахоҳад замон ёд кард».

www.sattor.com

Ҳама пӯстин буд пӯшиданаш,
Зи кашку зи арзан будӣ хӯрданаш.

Мақотура чун гашт кушта ба зор
Абар дасти Баҳром он рӯзгор.

Қулунро дил аз дард ҷӯшон будӣ,
Шабу рӯз аз ғам хурӯшон будӣ.

Ба тан низ хеши Мақотура буд,
Дилаш буд зи Баҳром пурдарду дуд.

Ҳамеша ба дил доштӣ кини ӯй,
Забонро набастӣ зи нафрини ӯй.[1]

Фиристод Харроду[2] ӯро бихонд,
Бад-он номвар ҷойгоҳаш нишонд.

Мар ӯро дирам доду динор дод,
Ҳамон пӯшишу хӯрди бисёр дод.

Чу бар хон нишастӣ, варо хондӣ,
Бари номдорон-ш биншондӣ.

Пурандеша буд марди бисёрдон,
Шикебодилу зираку кордон.

Ҳам он пеши хоқон ба рӯзу ба шаб
Чу рафтӣ, ҳаме доштӣ баста лаб.

В-аз он рӯй бо кадхудои сарой
Зи хотуни чинӣ ҳаме ҷуст рой.

Чунин гуфт бо меҳтарон марди пир,
Ки «Чун ту сарафроз марде дабир!

Агар дар пизишкит баҳра будӣ
В-агар номат аз дур шӯҳра будӣ,

Яке тоҷ будӣ аз он бар сараш,
Бавижа, ки бемор шуд духтараш.

1. Л –б. 2573 нест.
2. Д–Касеро фиристоду

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт, к-«ин донишам низ ҳаст,
Чу гӯӣ, бисоям бар ин кор даст».

Бишуд пеши хотун давон кадхудой,
Ки «доно пизишке нав омад ба ҷой».

Бад-ӯ гуфт: «Шодон зию нӯш х(в)ар,
Биёвар,[1] махор андар ин кор сар».[2]

Биёмад, ба Харроди Барзин бигуфт,
Ки «ин роз бояд, ки дорӣ нуҳуфт.

Бирав пеши ӯ, номи худро магӯй,
Пизишке кун аз хештан тозарӯй».

Ба наздики хотун шуд он чорагар,
Табаҳ дид бемори ӯро ҷигар.

Бифармуд, то оби нор оваранд,
Ҳам он тарраи ҷӯйбор оваранд.

Куҷо тарра, к-аш кошнӣ хонадаш,
Тапиш[3] хост, к-аз мағз биншонадаш.

Ба фармони Яздон чу шуд ҳафт рӯз,
Шуд он духт чун моҳи гетифурӯз.

Биёвард динор хотун зи ганҷ,
Яке бадраву ҷома зарбафт панҷ.

Бад-ӯ гуфт, к-«ин носазовор чиз,
Бигиру бихоҳ ончи бояд-т низ».

Чунин дод посух, ки «инро бидор,
Бихоҳам ҳар он гаҳ, ки бояд ба кор.[4]

1. Л – Биёраш,
2. И –б. 2325–2585 нест.
3. Л –Табаш
4. И-6. 2591–2594 нест.

www.sattor.com

ФИРИСТОДАНИ ХАРРОДИ БАРЗИН ҚУЛУНРО БА НАЗДИ БАҲРОМИ ЧӮБИНА

В-аз он рӯй Баҳром шуд то ба Марв,
Биёрост лашкар чу парри тазарв.

Кас омад ба хоқон, ки аз Турку Чин
Мамон, то кас ояд[1] ба Эронзамин,

Ки огоҳии мо ба Хусрав равад[2]
Варо з-он сухан ҳадяи нав бувад.[3]

Мунодигарӣ кард[4] хоқони Чин,
Ки бе мӯҳри мо кас ба Эронзамин[5]-

Шавад, ман[6] миёнаш кунам бар ду ним,
Ба Яздон, ки нафрӯшам инро ба сим.

Ҳаме буд Харроди Барзин се моҳ,
Ҳаме дошт ин розҳоро нигоҳ.

Ба тангӣ дил - андар Қулунро бихонд,
Бад-он номвар ҷойгоҳаш[7] нишонд.

Бад-ӯ гуфт: «Донӣ, ки кас дар ҷаҳон
Надорад дили беғам андар ниҳон?

Ту нони ҷаву арзану пӯстин
Фаровон биҷустӣ зи ҳар кас ба Чин.

Кунун хӯрданиҳот нону бара,
Ҳамон пӯшишат ҷомаҳои сара.

Чунон буд якчанду акнун чунин,
Чи нафрин шунидиву чи[8] офарин.

1. Л –шавад кас
2. Л – барад,
3. Л – барад.
4. Л – Мунодӣ бифармуд
5. И – б. 2598 нест.
6. Л – з-он
7. Л – боргоҳаш
8. ИЛ – чанд

www.sattor.com

Кунун рӯзгори ту бар сар гузашт,
Басе рӯзу шаб дидиву кӯҳу дашт.[1]

Яке кор дорам туро бимнок,
Агар тахт ёбӣ, агар тирахок.

Ситонам яке мӯҳри хоқони Чин,
Чунон рав, ки андарнавардӣ замин.

Ба наздики Баҳром бояд шудан,
Ба Марват фаровон бибояд будан.

Бипӯшӣ ҳамон пӯстини сиёҳ,
Яке корд бистон ту бо худ ба роҳ.

Нигаҳ дор он моҳи Баҳромрӯз,
Бирав то дари марди гетифурӯз.

Вай он рӯзро шум дорад ба фол,
Нигаҳ доштастем бисёр сол.

Нахоҳад, ки анбӯҳ бошад бараш,
Ба дебои чинӣ бипӯшад бараш.

Чунин гӯй, к-«аз духти хотун паём
Расонам бад-ин меҳтари шодком».

Ҳамин корд дар остин барҳана
Ҳаме дор, то хонадат яктана.

Чу наздики Чӯбина ой фароз,
Чунин гӯй, к-он духтари сарфароз-

Маро гуфт: «чун роз гӯӣ ба гӯш,
Суханҳо зи бегонамардум бипӯш».

Чу гӯяд: чӣ роз аст, бо ман бигӯй,
Ту биштобу наздики Баҳром пӯй.

Бизан корду нофаш саросар бидар,
В-аз он пас бичаҳ, гар биёбӣ гузар.

1. Л – Ҳамоно, ки соли ту ҳаштод гашт.

www.sattor.com

Ҳар он кас, ки овози ӯ бишнавад,
Зи пеши сипаҳбад ба охур давад.

Яке сӯи фаршу яке сӯи ганҷ,
Наёяд зи куштан ба рӯи ту ранҷ.

В-агар худ кушандат, ҷаҳондидаӣ,
Ҳама неку бадҳо писандидаӣ.[1]

Ҳамоно ба ту кас напардозаде,
Ки бо ту бад-он гаҳ бадӣ созаде.

Гар эдун, ки ёбӣ зи куштан раҳо,
Ҷаҳонро харидиву додӣ баҳо.

Туро шоҳи пирӯз шаҳре диҳад,
Ҳамон аз ҷаҳон низ баҳре диҳад».

Чунин гуфт бо марди доно Қулун,
Ки «акнун набояд маро раҳнамун.

Ҳамоно маро сол бар сад расид,
Ба бечорагӣ чанд хоҳам кашид.

Фидои ту бодо тану ҷони ман!
Ба бечорагӣ бар ту буд хони ман».

Чу бишнид Харроди Барзин, давид,
Аз он хона то пеши хотун расид.

Бад-ӯ гуфт, к-«омад гаҳи орзу,
Бигӯям туро, эй зани некхӯ.

Ба банданд з-он сӯй[2] касҳои ман,
Сазад, гар кушода кунӣ пои ман.

Яке мӯҳр бистон зи хоқон маро,
Чунон дон, ки бахшидаӣ ҷон маро».

Бад-ӯ гуфт хотун, ки «хуфтаст маст,
Магар гил ниҳам бар нигинаш ба даст?»

---

1. ТПЗ – Ва дигар, ки бардоштӣ кини хеш,
Ба ҷо оваридӣ, ту оини хеш.
2. Л – банд андар астанд

www.sattor.com

Зи Харроди Барзин гили мӯҳр хост,
Ба болини маст омад аз ҳуҷра рост.

2635 Гил андар замон бар нигинаш ниҳод,
Биёмад, бад-он марди гӯянда[1] дод.

Бар ӯ офарин кард марди дабир,
Биёмад, супурд он бад-он марди пир.

КУШТА ШУДАНИ БАҲРОМИ ЧӮБИНА БА ДАСТИ ҚУЛУН

Кулун бистад он мӯҳру ҳамчун тазарв
Биёмад зи шаҳри Кашон то ба Марв.

Ҳаме буд, то рӯзи Баҳром буд,
Ки Баҳромро он на падром буд.

Ба хона - дарун буд бо як раҳӣ,
Ниҳода бараш нору себу биҳӣ.

2640 Қулун рафт танҳо ба даргоҳи ӯй,
Ба дарбон чунин гуфт, к-«эй номҷӯй!

Ман аз духти хоқон фиристодаам,
На ҷангӣ касеям, на озодаам.

Яке роз гуфт ин зани порсо,
Бад-он, то бигӯям бад-ин подшо.

Зи баҳри варо аз дари бастан аст,
Ҳамон низ бемору обастан аст.

Гар огаҳ кунӣ, то расонам паём,
Бад-он тоҷвар меҳтари некном».

2645 Бишуд пардадори гиромӣ давон
Чунин то дари хонаи паҳлавон.

Чунин гуфт, к-«омад яке баднишон
Фиристодаву пӯстине кашон.

1. Л –ҷӯянда

www.sattor.com

Ҳаме гӯяд «аз духти хоқон паём,
Расонам бад-ин меҳтари шодком».

Чунин гуфт Баҳром, к-«ӯро бигӯй,
Ки ҳам з-он дари хона бинмой рӯй».

Биёмад Қулун то ба наздики дар,
Ба кофи дари хона бинмуд сар.

Чу дидаш, яке пир буд сусту зор,
Бад-ӯ гуфт: «Агар нома дорӣ, биёр».

Қулун гуфт: «Шоҳо, паём асту бас,
Нахоҳам, ки гӯям сухан пеши кас».

Бад-ӯ гуфт: «Зуд андар ою бигӯй
Ба гӯшам ниҳонат,[1] баҳона маҷӯй».

Қулун рафт бо корд дар остӣ,
Падидор шуд кажживу костӣ.

Ҳаме рафт, то роз гӯяд ба гӯш,
Бизад дашна в-аз хона баршуд хурӯш.

Чу Баҳром гуфт: «Оҳ! Мурдам». Зи роҳ.
Бирафтанд пӯён ба наздики шоҳ.

Чунин гуфт, к-«ӯро[2] бигиред зуд,
Бипурсед з-ӯ,[3] то кӣ роҳаш намуд?»

Бирафтанд ҳар кас, ки буд дар сарой,
Мар он пирсарро кашиданд пой.

Ҳама кеҳтарон з-ӯ барошуфтанд,
Ба силию мушташ ҳаме кӯфтанд.

Ҳама хӯрд силию накшод лаб
Аз он нимаи рӯз то ними шаб.

Чунин то шикаста шудаш дасту пой,
Фикандандаш андар миёни сарой.

1. ИЛ – ниҳонӣ,
2. Л – к-инро
3. ИЛ – аз ӯ,

www.sattor.com

Ба наздики Баҳром бозомаданд,
Ҷигархаставу пургудоз омаданд.

Ҳаме рафт хун аз тани хастамард,
Лабон пур зи боду рухон ложвард.

Биёмад ҳам андар замон хоҳараш,
Ҳама пок барканд мӯи сараш.

Ниҳод он сари хастаро бар канор,
Ҳаме кард бо хештан корзор.

Ҳаме гуфт зор: «Эй савори далер!
К-аз ӯ беша бугзоштӣ наррашер,

Кӣ бурд ин сутуни ҷаҳонро зи ҷой?!
Ба андешаи бад кӣ шуд[1] раҳнамой?!

Ало, эй савори сипаҳбадтано!
Ҷаҳонгири нобоку шеравжано![2]

На хусравпарастӣ, на яздонпараст,
Тани пилвори сипаҳбад кӣ хаст?!

Ало, эй сароварда кӯҳи баланд!
Зи дарёи хушшоб бехат кӣ канд?!

Кӣ канд инчунин сабз сарви саҳӣ!?
Кӣ афканд хор ин кулоҳи меҳӣ?!

Кӣ оганд ин жарфдарё ба хок?!
Кӣ афканд кӯҳи равон дар мағок?!

Ғарибему танҳову бедӯсту ёр,[3]
Ба шаҳри касон-дар бимондем хор!

Ҳаме гуфтам, эй меҳтари анҷуман,
Ки шохи вафодорӣ аз бун макан!

Ки аз тухми Сосон агар духтаре
Бимонад, ба сар барниҳад афсаре.

1. Л – Бар он бад кӣ бадпешаро
2. Л – 2667 нест.
3. Л – бедӯстдор,

www.sattor.com

Ҳама рӯи кишвар шавад бандааш,
Ба гардун расад тоҷи фархундааш.[1]

Сипаҳдор нашнид панди маро,
Сухан гуфтани судманди маро.

Бар ин кардаҳо-бар пушаймонтарӣ,
Гунаҳкор ҷон пеши Яздон барӣ.

Бад омад бад-ин хонадони бузург,
Ҳаме меш гаштему душман чу гург».

Чу он хаста бишнид гуфтори ӯй,
Бидид он дилу ройи ҳушёри ӯй.

Ба нохун рухон хаставу канда мӯй,
Пур аз хун дилу дида, пурхок рӯй.[2]

Ба зориву сустӣ забон баркушод,
Чунин гуфт, к-«эй хоҳари покзод,

Зи пандат набуд ҳеҷ монид чиз,
Валекин маро худ пур омад қафиз.

Ҳаме панд бар ман набуд коргар,
Зи ҳар гуна чун девбуд роҳбар.

Набуд хусраве бартар аз Ҷаммшед,
К-аз ӯ буд гетӣ ба биму умед.

Бигашт ӯ ба гуфтори девон зи роҳ,
Ҷаҳон кард бар хештан-бар сиёҳ.

Ҳамон низ бедор Ковуси кай--
Ҷаҳондору некахтару некпай.

Табаҳ шуд ба гуфтори деви палид,
Шунидӣ бадиҳо, ки ӯро расид.

---

1. ИЛ –б. 2676 нест:
   ТП – Ҳама шаҳри Эрон-ш фармон баранд,
   Аз он тухма ҳаргиз ба дил нагзаранд.
2. Л –б. 2681 нест.

www.sattor.com

Ҳаме б-осон шуд, ки гардонсипеҳр
Бубинад парокандани моҳу меҳр.[1]

Маро низ ҳам дев бероҳ кард,
Зи хубӣ ҳаме даст кӯтоҳ кард.[2]

Пушаймонам аз ҳар чӣ кардам зи бад,
Кунун гар бубахшад, зи Яздон сазад.

Набишта бад-ин гуна[3] буд бар сарам,
Ғами кардаҳои куҳан чун х(в)арам!

Зи торак кунун об бартар гузашт,
Ғаму шодмонӣ ҳама бод гашт.

Набишта[4] чунин буду[5] буд, ончи буд,
Набишта на коҳад, на ҳаргиз[6] фузуд.

Ҳамон панди ту ёдгори ман аст,
Суханҳои ту гӯшвори ман аст.

Сар омад кунун кори бедод дод,
Суханҳот бар ман макун ҳеҷ ёд.[7]

Шумо[8] рӯйҳо сӯи Яздон кунед,
Ҳама пушт бар бахти хандон кунед.

Зи бадҳо ҷаҳондоратон ёр бас,
Магӯед аз[9] андӯҳу шодӣ ба кас.

Набудам ба гетӣ ҷуз ин низ баҳр,
Сар омад, кунун рафтаниям зи даҳр».[10]

---

1. ТПЗ – Бияфтод ӯ аз ҳаво сарнагун
Аз он сӯи сорӣ ба об - андарун.
2. Л – б. 2694–2689 нест:
ТПЗ – Маро гуфт: «Дайҳими шоҳӣ туровст,
Зи бурҷи бара то ба моҳӣ туровст».
3. Л – Навишта чунин гуна
4. Л – навишта.
5. Л – буд.
6. Л – Зи будҳо накоҳад, нахоҳад
7. Л – Умедам ба Яздони парвардгор,
Ки бар ман бубахшад ба рӯзи шумор.
8. Л – Ҳама
9. Л – Магӯед
10. Л-б. 2698 нест.

www.sattor.com

Ялонсинаро гуфт: «Яксар сипоҳ
Супурдам туро, бахти бедор хоҳ.[1]

Нигаҳ кун бад-ин хоҳари некзан,
Зи гетӣ бас ӯ мар туро ройзан.

Мабошед як тан зи дигар ҷудо,
Ҷудоӣ мабодо миёни шумо.

Бар ин буми душман мамонед дер,
Ки ман рафтаму[2] гаштам аз гоҳ[3] сер.

Ҳама яксара пеши Хусрав шавед,
Бигӯеду гуфтори ӯ бишнавед.[4]

Гар омурзиш ояд шуморо зи шоҳ,
Ҷуз ӯро махонед хуршеду моҳ.

Ба Гурдӯй аз ман фаровон дуруд,
Расонеду гӯед з-ин сон, ки буд.[5]

Маро дахма дар шаҳри Эрон кунед,
Ба Рай кохи Баҳром вайрон кунед.

Басе ранҷ дидам зи хоқони Чин,
Надидам, ки як рӯз кард офарин.

На ин буд аз он ранҷ подоши ман,
Ки деве фиристад ба пархоши ман.

Валекин ҳамоно, ки ӯ з-ин сухун
Агар бишнавад, сар надонад зи бун.

Набуд ин ба ҷуз кори эрониён,
Ҳамон дев буд раҳнамун дар миён».

1. Л-тоҷу тахту кулоҳ.
2. Л – мондаму
3. Л - кор
4. ТПЗ – Ки хушнуд шуд аз ту Баҳроми гав,
Чу хушнуд шуд аз ту, хушнуд шав.
5. Л –б. 2706 нест:
ТПЗ – Шунидам, ки Харрод аз Эронзамин
Биёмад ба пайғамбарӣ сӯи Чин.
Ба Гурдӯй гӯед, хунам аз ӯй
Бихоҳу магардон аз ин кор рӯй.

www.sattor.com

Бифармуд пас, то биёмад дабир,
Нависад яке номае ногузир.[1]

Бигӯяд ба хоқон, ки Баҳром рафт,
Ба зориву хориву беком рафт.

Ту ин мондагони маро шод дор,
Зи ранҷу бади душман озод дор,

Ки ман бо ту ҳаргиз накардам бадӣ,
Ҳаме ростӣ ҷустаму бихрадӣ.

Басе пандҳо хонд бар хоҳараш,
Ба бар даргирифт он гиромӣ сараш.

Даҳон бар баногӯши хоҳар ниҳод,
Ду чашмаш пур аз хун шуду ҷон бидод.

Бар ӯ ҳар касе зор бигристанд,
Ба дарди дил - андар ҳаме зистанд.

Ҳаме бархурӯшид[2] хоҳар зи дард,
Суханҳош як-як ҳаме[3] ёд кард.

Зи тимори ӯ шуд дилаш бар ду ним,
Яке тангтобут кардаш зи сим.

Ба дебо биёрост ҷангӣ танаш,
Қасаб кард дар зери пероҳанаш.

Ҳаме рехт кофур гирд - андараш,
Бад-ин гуна-бар, то ниҳон шуд сараш.[4]

Чунин аст кори сарои сипанҷ,
Чу донӣ, ки андар[*5] намонӣ, маранҷ.[6]

1. И – бар ҳарир.
2. ИЛ – хун хурӯшид
3. Л – Суханҳои ӯ як ба як
4. Л – ин гуна то шуд ниҳон пайкараш.
5. ТП – Кеҳу меҳтарон хокро зодаем,
Ба бечора тан маргро додаем.
6. М – эдар

www.sattor.com

Махӯр андуҳу бода хӯр рӯзу шаб,
Дилат пур зи ромиш, пур аз ханда лаб.[1]

ОГОҲӢ ЁФТАНИ ХОҚОН АЗ МАРГИ БАҲРОМ ВА ТАБОҲ КАРДАНИ ХОНУМОНИ ҚУЛУН ВА НАВОХТАНИ ХУСРАВИ ПАРВИЗ ХАРРОДРО

Чу бишнид хоқон, ки Баҳромро
Чӣ омад, парешида дид[2] номро.

Ҳам он нома наздики хоқон расид,
Фиристода гуфту сипаҳбад шунид.

Аз он огаҳӣ шуд дилаш пур зи дард,
Ду дида пур аз хуну лаб[3] ложвард.

Аз он кори ӯ дар шигифтӣ бимонд,
Ҷаҳондидагонро ҳама пеш хонд.

Бигуфтончи Баҳроми ялро расид,
Шуд аз дард гирён, касе к-он шунид.

Ҳама Чин бар ӯ зор гирён шуданд,
Абе оташ аз бим[4] бирён шуданд.

Якояк ҳама кори ӯ бозҷуст,
Бад-он, то гунаҳ бар кӣ гардад дуруст.

Қулунро ба Тӯрон ду фарзанд буд,
Зи ҳар гунае хешу пайванд буд.

Чу дониста шуд, оташе барфурӯхт,
Сарою ҳама барзани ӯ бисӯхт.

Ду фарзанди ӯро бар оташ ниҳод,
Ҳама чизи эшон ба тороҷ дод.

Бидонист, к-он кори Харрод буд,
Ки кораш ҳама банду бедод буд.

1. ИЛ – б. 2723 нест.
2. Л- бар ӯй аз пайи.
3. И – рух
4. Л – Абе оташи тез

www.sattor.com

Фиристод ҳар сӯ ҳаюнони маст,
Наёмад-ш Харроди Барзин ба даст.

Ҳаме гуфт, к-он саг, чӣ гуна гурехт,
К-аз ин гуна оташ ба мо-бар бубехт.[1]

В-аз он пас чу навбат ба хотун расид,
Зи парда ба гесӯш берун кашид.

Ба айвон кашид он ҳама ганҷи ӯй,
Накард эҷ ёд аз буна ранҷи ӯй.

Ҳама ҳар ки дар Чин варо банда буд,
Бипӯшидашон ҷомаҳои кабуд.

Ба якчанд бо сӯги Баҳром буд,
Ки хоқон аз он кор бадном буд.

ОГОҲӢ ЁФТАНИ ХУСРАВ АЗ КУШТА ШУДАНИ БАҲРОМИ ЧӮБИНА ВА НАВОХТАНИ Ӯ ХАРРОДИ БАРЗИНРО

Чу Харроди Барзин ба Хусрав расид,
Бигуфт, он куҷо карду гуфту[2] шунид.

Дили шоҳ Парвиз аз он шод гашт,
К-аз он бадгуҳар[3] душман озод гашт.

Ба дарвеш бахшид чанде дирам,
Зи пӯшиданиҳову аз бешу кам.

Ба ҳар подшоҳеву худкомае
Набиштанд бар паҳлавӣ номае,

Ки додори доранда-Яздон чӣ кард,
Зи душман чӣ гуна баровард гард.

Ба қайсар яке нома бинвишт шоҳ,
Чунон чун бувад дархури пешгоҳ.

---

1. ИЛ – б. 2736 нест.
2. ИЛ – диду
3. Л – пурҳунар

www.sattor.com

Ба як ҳафта маҷлис биёростанд,
Ба ҳар барзане руду май хостанд.

Ба оташкада ҳам фиристод чиз,
Бад-он мӯбадон хилъат афканд низ.

Ба Харроди Барзин чунин гуфт шоҳ,
Ки «зебад туро, гар диҳам тоҷу гоҳ!»[1]

Даҳонаш пур аз гавҳари шоҳвор
Бароганду динор чун сад ҳазор.

Ҳаме рехт ганҷур дар пои ӯй,
Бар ин гуна, то танг шуд ҷои ӯй.

Бад-ӯ гуфт: «Ҳар кас, ки печад зи роҳ[2],
Шавад рӯзи равшан бар ӯ-бар сиёҳ,

Чу Баҳром бошад ба дашти набард,
К-аз ӯ пиртурке баровард гард».

Ҳама мӯбадон хонданд офарин,
Ки бе ту мабинод кеҳтар замин!

Чу Баҳром бошад, ки бо меҳри ту,
Нахоҳад, ки рахшон шавад чеҳри ту.

НОМА НАВИШТАНИ ХОҚОН БА ГУРДИЯ, ХОҲАРИ БАҲРОМ ВА ПОСУХИ ОН

В-аз он пас чу хоқон бипардохт дил,
Зи хун шуд ҳама кишвари Чин чу гил.

Чунин гуфт як рӯз, к-«аз марди суст
Наёяд магар кори нотандуруст.

Бад-он номдорӣ, ки Баҳром буд,
Маро з-ӯ ҳама ромишу ком буд.

Кунун ман зи касҳои он номдор
Чаро бозмондам чунин сусту хор?

1. Л – сохтан тоҷу гоҳ: И – дод тахту кулоҳ.
2. Л – шоҳ,

www.sattor.com

Накӯҳиш кунад, ҳар кӣ ин бишнавад,
Аз он пас ба савганди ман награвад.

Нахӯрдам ғами хурд фарзанди ӯй,
На андеша аз хуну[1] пайванди ӯй.

Чу бо мо ба фарзанд пайваста буд,
Ба меҳру хирад ҷони ӯ баста буд».[2]

Бифармуд, то шуд供 бародар-ш пеш,
Сухан гуфт бо ӯ зи андоза беш[3]

Ки касҳои Баҳроми ялро бубин,
Фаровон бар эшон бихон офарин.[4]

Бигӯ он ки «ман худ ҷигархастаам,
Бад-ин сӯг то зиндаам, бастаам.

Ба хун рӯи кишвар бишустам ба кин,
Ҳама шаҳр нафрин буду офарин.

Бад-ин дард ҳарчанд кин оварам,
В-агар осмон бар замин оварам.[5]

Зи фармони Яздон касе нагзарад,
Чунин донад он кас, ки дорад хирад,

Ки ӯро замона бар он гуна буд,
Ҳама тунбали деви вожуна буд.

Бар он зинҳорам, ки гуфтам сухан
Бар он аҳду паймонҳои куҳан».

Сӯи Гурдия номае буд ҷудо,
Ки «эй покдоман, зани порсо!

---

1. Л – хешу
2. Л – б. 2762 нест.
3. ТПЗЛ – Бад-ӯ гуфт: «Аз эдар бирав то ба Марв,
Бад-он сон ки дар боғ паррад тазарв.
4. ТПЗ – Бигӯшон ба Яздону тахти меҳӣ,
Ки моро аз ин бад набуд огаҳӣ.
5. ТПЗ – Ба хуни чун он гурди ҷӯёи ном
Зи сад як набошад ба кин ронда ком.

www.sattor.com

Ҳамат[1] ростиву ҳамат[2] мардумӣ,
Сириштат фузуниву дур аз камӣ.

Зи кори ту андеша кардам дароз,
Нишаста хирад бо дили ман ба роз.

Беҳ аз худ надидам туро кадхудой,
Биёрой ин хонаи ман ба рой.[3]

Бидорам туро ҳамчу ҷону танам,
Бикӯшам, ки паймони ту нашканам.

Аз он пас бад-он шаҳр фармон туро́ст,
Гаравгон кунам дил бад-он, ч-ат ҳавост.

Кунун ҳар чӣ дорӣ, ҳама гирд кун,
Ба пеши хирадманд гӯй ин сухун.

В-аз он пас бубин, то чӣ ояд-т рой,
Ба равшан равонат хирад баргирой.

Хирадро бар он рой-бар шоҳ кун,
Маро з-он сиголида огоҳ кун».

Ҳаме гуфту бар сони қумрӣ зи сарв
Биёмад, баромад-ш тозон ба Марв.

Ҷаҳонҷӯй бо номвар ром шуд,
Ба наздики касҳои Баҳром шуд.

Бигуфт, ончи хоқон бад-ӯ гуфта буд,
Ки аз хуни[4] он кушта ошуфта буд.

Аз он пас чунин гуфт, к-«эй бихрадон,
Писандидаву кордида радон!

Яке ногаҳон марг буд ин, на хурд,
Ки кас дар ҷаҳон, ин гумоне набурд.

1. Л – ҳама
2. Л – Ҳама
3. Л – пардаи мо ба пой.
4. ИЛ – кини

www.sattor.com

Шуморо аз ӯ мужди[1] бисёр бод,
Варо довари додгар ёр[2] бод!»

Пас он нома пинҳон ба хоҳар-ш дод,
Суханҳои хоқон ҳама кард ёд.

Зи пайванду аз панду некӯ сухан,
Чи аз нав, чи аз рӯзгори куҳан.

Зи покиву аз порсоии зан,
Ки ҳам ғамгусор асту ҳам ройзан

Ҷавон гуфту он покдоман шунид,
Зи гуфтори ӯ хомушӣ баргузид.

Аз он пас чу бархонд он номаро,
Суханҳои хоқони худкомаро.

Хирадро чу бо дониш анбоз кард,
Ба дил посухи номаро соз[3] кард.

Бад-ӯ гуфт, к-«ин нома бархондам,
Хирадро бари хеш биншондам.

Чунон кард хоқон, ки шоҳон кунанд,
Ҷаҳондидаву пешгоҳон кунанд.

Бад-ӯ бод равшан ҷаҳонбини мо,
Ки чун ин биҷӯяд ҳаме кини мо!

Мамонод гетӣ зи хоқон тиҳӣ,
Бад-ӯ шод бодо кулоҳи меҳӣ!

Дили вай зи тимор хаста мабод,
Умеди ҷаҳон з-ӯ гусиста мабод!

Кунун чун нишинем бо якдигар,
Бихонем нома ҳама сарбасар.

Ҳар он, к-ӯ бузург асту дорад хирад,
Якояк бад-ин орзу бингарад.

---
1. Л – музди
2. Л – бо ҷаҳондор кирдор
3. Л – нома оғоз

www.sattor.com

Кунун дударо сарбасар шеван аст,
На ҳангомаи ин сухан гуфтан аст.[1]

Маро худ ба Эрон шудан рӯй нест,
Зани покро беҳтар аз шӯй нест.

Агар ман бад-ин зудӣ оям ба роҳ,
Чӣ гӯяд маро он хирадманд шоҳ?

Ба сӯг- андар оҳанги шодӣ кунам,
На аз порсоиву родӣ кунам.

Хирадманд бешарм хонад маро
Ва хоқон беозарм донад маро.

Ҳама бишнавам, ҳар чӣ бояд шунид,
Зи гӯяндагон то чӣ ояд падид.

Бар ин сӯг чун бугзарад чор моҳ,
Саворе фиристам ба наздики шоҳ.

Бигӯям якояк ба нома- дарун,
Чу ояд ба наздики ӯ раҳнамун.

Ту акнун аз эдар ба шодӣ хиром,
Ба хоқон бигӯ, ончи додам паём».

Фаровон фиристодаро ҳадя дод,
Ҷаҳондида аз Марв баргашт шод.

РОЙ ЗАДАНИ ГУРДИЯ БО ПАҲЛАВОНОНИ ХЕШ ВА ГУРЕХТАН АЗ МАРВ

В-аз он пас ҷавону хирадманд зан
Ба ором биншаст бо ройзан.

Чунин гуфт, к-«омад яке нав сухан,
Ки ҷовид бар дил нагардад куҳан.

Ҷаҳондор хоқон маро хостаст,
Суханҳо зи ҳар гуна оростаст.

1. ТПЛЗ – Чу сӯги чунон меҳтар ояд ба сар,
Зи фармони ҳоқон набошад гузар.

www.sattor.com

Аз ин нест оҳу бузург асту шоҳ,
Далеру худованди тӯронсипоҳ.

Маро бепадар дошт Баҳроми гурд,
Ду даҳ сол з-он гаҳ, ки бобам бимурд.

Чу аз вай касе хостӣ мар маро,
Бичӯшидӣ аз кина мағзи саро.

Наёраст, то зинда буд шери ман
Касе ёди ман кард аз анҷуман.

Кунун шоҳ, хоқон на мардест хурд,
Ҳамаш дастгоҳ асту ҳам дастбурд.[1]

Валекин чу бо турку эрониён
Бикӯшад, ки хешӣ бувад дар миён.

Зи пайванду аз банди он рӯзгор,
Ғаму ранҷ бинад ба фарҷоми кор.

Нигар, то Сиёвуш аз Афросиёб
Чӣ бар хӯрд ҷуз тобиши офтоб.

Сари хеш дод аз нахустин ба бод,
Ҷавоне ки чун ӯ зи модар назод.

Ҳамон низ пури сипаҳбад чӣ кард,
Аз Эрону Тӯрон баровард гард.

Бисозед, то мо зи туркон ниҳон
Ба Эрон барем ин сухан ногаҳон.

Ба Гурдӯй ман номае кардаам,
Ҳам аз пеш тимори ин х(в) ардаам.

Ки бар шоҳ пайдо кунад кори мо,
Бигӯяд бад-ӯ[2] ранҷу тимори мо.

Ба нерӯи Яздон чу он бишнавад,
Бад-ин чарб гуфтори ман бигравад».

1. ИЛ –б. 2813–2816 нест.
2. И –Бичӯяд ғаму

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт ҳар кас, ки «бону туӣ,
Ба Эрону Чин пушту бозу туӣ.

Наҷунбонадат кӯҳи оҳан зи ҷой,
Ялонро ба мардӣ туӣ раҳнамой.

Зи марди хирадманд бедортар,
Зи дастури донанда ҳушёртар,

Ҳама кеҳтаронему фармон турост,
Бад-ин орзу рою паймон турост».

Чу бишнид аз эшон, Аразро бихонд,
Дирам доду ӯро ба девон нишонд.

Биёмад, сипаҳ сарбасар бингарид,
Ҳазору саду шаст ял баргузид.

К-аз он ҳар саворе ба ҳангоми кор
На баргоштандӣ сар аз даҳ савор.[1]

Дирам доду омад сӯи хона боз,
Чунин гуфт бо лашкари размсоз,

Ки «ҳар кас, ки дид ӯ дуволи рикеб,
Напечад дил андар фарозу нишеб.

Натарсад аз анбӯҳи лашкаркашон,
Гар аз абр бошад бар ӯ сарфишон.[2]

Бибояд, ки то сӯи Эрон шавем,
Ба наздики шоҳи далерон шавем.

Ба Тӯрон ғарибему бепушту ёр,
Миёни бузургони Чин сусту хор.

Ҳаме рафт хоҳам чу тира шавад,
Сари душман аз хоб хира шавад.

Шумо дил ба рафтан мадоред танг,
Гар аз чиниён лашкар ояд ба ҷанг,

---

1. И – корзор.
2. ТПЗ – Напечад аз ин рафтан аз ман инон,
Натарсад, агар душман ояд дамон.

www.sattor.com

Ки ман бегумонам, ки аз пас сарон
Биёянд бо гурзҳои гарон.

Ҳама ҷон якояк ба ҳам барниҳед,
Агар лашкар ояд, хареду диҳед.

В-агар бар чунин рӯятон нест рой,
Аз эдар маҷунбед як тан зи ҷой».

Ба овоз гуфтанд: «Мо кеҳтарем,
Зи рою зи фармони ту нагзарем».

Бад-ин барниҳоданду бархостанд,
Ҳама ҷанги Чинро биёростанд.

Ялонсинаву меҳтар Эзадгушасп
Нишастанд бо номдорон бар асп.

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки мурдан ба ном
Беҳ аз зинда, душман бар ӯ шодком.

Ҳамон гаҳ сӯи корвон шуд ба дашт,
Шутур хост, то пеши ӯ баргузашт.

Гузин кард аз он уштурон се ҳазор,
Бад-он то буна барниҳоданд бор.

Чу шаб тира шуд, Гурдия барнишаст,
Чу гурде сарафроз гурзе ба даст.

Барафканд пурмоя баргустувон
Або ҷавшану тарку теғи гавон.

Ҳаме ронд чун бод лашкар ба роҳ,
Ба рахшанда рӯзу шабони сиёҳ.

ФИРИСТОДАНИ ХОҚОН ТУВУРГРО АЗ ПАСИ ГУРДИЯ ВА КУШТАНИ ГУРДИЯ ӮРО

Зи лашкар басе зинҳорӣ шуданд,
Ба наздики хоқон ба ёрӣ шуданд.

Бародар биёмад ба наздики ӯй,
Ки «эй номвар меҳтари ҷангҷӯй!

www.sattor.com

Сипоҳӣ диловар ба Эрон кашид,
Басе зинҳорӣ бари ман расид.

Аз ин нанг то ҷовидон бар дарат
Бихандад ҳаме лашкару кишварат».

Сипаҳдори Чин, к-он суханҳо шунид,
Шуд аз хашм ранги рухаш нопадид.

Бад-ӯ гуфт: «Биштобу баркаш сипоҳ,
Нигаҳ кун, ки лашкар куҷо шуд зи роҳ?

Бад-эшон расӣ, ҳеҷ тундӣ макун,
Нахустин фароз ор ширин сухун.

Аз эшон надонад касе роҳи мо,
Магар бишканӣ пушти бадхоҳи мо.

Ба хубӣ сухан гӯю бинвозашон,
Ба мардонагӣ сар барафрозашон.

В-агар ҳеҷ созад касе бо ту ҷанг,
Ту мардӣ куну дур бош аз диранг.

Аз эшон яке гӯрсон кун ба Марв,
Ки гардад замин ҳамчу парри тазарв».

Биёмад сипаҳдор бо шаш ҳазор
Гузида зи туркони чангисавор.

Ба рӯзи чаҳорум бад-эшон расид,
Зани шердил чун сипаҳро бидид,

Аз эшон ба дил-бар накард эҷ ёд,
Зи лашкар сӯи сорбон шуд чу бод.

Якояк буна дар паси пушт кард,
Биёмад, нигаҳ кард ҷои набард.

Силеҳи бародар бипӯшид зан,
Нишаст аз бари бораи гомзан.

Ду лашкар баробар кашиданд саф,
Ҳамон ҷони худ барниҳода ба каф.

www.sattor.com

Ба пеши сипоҳ андаромад Тувург,
Ки хоқон варо хондӣ пиргург.

Ба эрониён гуфт, к-«он покзан
Магар нест бо ин бузург анҷуман?»

Чу буд Гурдия бо сипоҳи гарон,
Миён баста бар сони ҷанговарон.

Диловар Тувургаш надонист боз,
Бизад пошна, рафт пешаш фароз.

Дигар гуфт, к-«он хоҳари кушта шоҳ
Куҷо ҷӯямаш дар[1] миёни сипоҳ?

Ки бо ӯ маро ҳаст чандин сухан,
Чи аз нав, чи аз рӯзгори куҳан».

Бад-ӯ Гурдия гуфт, к-«инак манам,
Ки бар шери дарранда асп афканам».

Чу бишнид овози ӯро Тувург,
Бар он аспи ҷангӣ чу шери сутург--

Шигифт омадаш, гуфт: «Хоқони Чин
Туро кард аз ин подшоҳӣ гузин,

Бад-он то ту бошӣ варо ёдгор,
Зи Баҳроми шер он гузидасавор».

Ҳаме гуфт: «Подоши ин некувӣ--
Ба ҷой оварам, чун сухан бишнавӣ.

Маро гуфт, биштобу ӯро бигӯй,
Ки гар з-он чи гуфтам, надидӣ ту рӯй.

Чунон дон, ки он худ нагуфтам зи бун,
Ки ман низ боз омадам з-ин сухун.

Аз ин марз рафтан туро рӯй нест,
Макун, гар туро орзу шӯй нест.

1. Л – ҷӯям андар

www.sattor.com

Суханро бад-ингуна пайванд кун,
В-агар панд напзирадат, банд[1] кун».

Ҳар он гаҳ[2], ки ӯро бар он[3] доштаст,
Суханҳо[4] аз андоза бугзоштаст.

Бад-ӯ Гурдия гуфт, к-«аз размгоҳ
Ба як сӯ шавем аз миёни сипоҳ.

Сухан ҳар чӣ гуфтӣ ту, посух диҳам,
Туро андар ин ройи фаррух ниҳам».

Зи пеши сипоҳ андаромад Тувург,
Биёмад бари номдори сутург.

Чу танҳо бидидаш зани чорҷӯй,
Аз он миғфари тира букшод рӯй.[5]

Бад-ӯ гуфт: «Баҳромро дидаӣ,
Савориву размаш писандидаӣ.

Маро буд ҳаммодару ҳампадар,
Кунун рӯзгори вай омад ба сар.

Кунун ман туро озмоиш кунам,
Яке сӯи размат гироиш[6] кунам.

Гарам[7] аз дари шӯй ёбӣ, бигӯй,
Ҳамоно маро худ писандӣ ту шӯй».

Бигуфт ину з-он пас барангехт асп,
Паси ӯ ҳаме тохт Эзадгушасп.[8]

---

1. Л – Ҳама гӯш сӯи хирадманд
2. Л – Ҳамонро
3. Л – бар ин
4. Л –Суханҳош
5. И –б. 2888 нест.
6. И – ниёиш: Л – намоиш
7. Агар аз
8. ТП – Сипаҳдори чинӣ ҳамон ҳамла кард,
Баромехтанд он ду шери набард.
Ҳамон хоҳари паҳлави номдор
Ба найза даромад ба назди савор.

www.sattor.com

Яке найза зад бар камарбанди ӯй,
Ки бугзошт[1] хафтону пайванди ӯй.

Чу аз пушти бора даромад нагун,
Ҳама рег шуд зери ӯ ҷӯи хун.[2]

Ялонсина бо он гузидасипоҳ[3]
Барангехт асп андар он размгоҳ.[4]

Ҳама лашкари Чин ҳаме[5] баршикаст,
Басе кушта[6] афканду чанде бихаст.

Ду фарсанг лашкар ҳаме шуд зи пас,
Бар аспон намонданд бисёр кас.

Саросар ҳама дашт шуд рӯди хун,
Яке бесару дигаре сарнагун.

НОМАИ ГУРДИЯ БА ГУРДӮЙ

Чу пирӯз шуд, сӯи Эрон кашид,
Бари шаҳрёри далерон кашид.[7]

Ба Омӯй биншасту якчанд буд,
Ба дил-ш - андар андешаҳо барфузуд.[8]

Яке нома сӯи бародар бадард
Навишту зи ҳар кор огоҳ кард.

Чунин гуфт, к-«он гаҳ, ки Баҳроми гурд
Ба тимору дарди бародар бимурд,

Турову маро мужда бисёр дод,
Равони вай аз мо беозор бод!»

1. Л – бугсист
2. Л – б. 2896 нест.
3. Л – он гузидасавор.
4. Л – аз пайи корзор.
5. Л – ба ҳам
6. Л – кушту
7. ТПМ– Ба рӯзи чаҳорум ба Омӯй шуд,
Надидӣ зане, к-ӯ ҷаҳонҷуй шуд.
8. Л – б. 2901 нест.

www.sattor.com

Дигар гуфт: «Бо шаҳрёри баланд
Бигӯ он чи аз ман шунидӣ зи панд.

Паси мо биёмад сипоҳе гарон,
Ҳама номдорону ҷанговарон.

Бад-он гуна бардоштамшон ба[1] разм,
Ки на разм бинанд аз ин пас[2], на базм.

Басе номвар меҳтарон бо манонд,
Набояд, ки ояд бар эшон газанд.

Нишастам ба Омӯй,[3] то посухам
Биёрад магар ахтари фаррухам.

КУШТАНИ ХУСРАВ БИНДӮЙРО БА ХУНИ ПАДАРАШ ҲУРМУЗД

В-аз он пас ба ором биншаст шоҳ,
Чу бархост Баҳроми ҷангӣ зи роҳ.

Надид аз бузургон касе киначӯй,
Ки бо ӯ ба рӯй андароранд рӯй.

Ба дастури покиза як рӯз гуфт,
Ки «андеша то кай бувад дар нуҳуфт?

Кушанда падар ҳар замон пеши ман
Ҳаме бугзарад, ӯ бувад хеши ман.

Чу равшанравонам пур аз хун бувад,
Ҳаме подшоҳӣ кунам, чун бувад?!»

Ниҳоданд хону мае чанд х(в)ард,
Ҳамон рӯз Биндӯйро банд кард.

В-аз он пас чунин гуфт бо раҳнамой,
Ки «ӯро ҳам акнун зи тан дасту пой

1. ИЛ – баргоштамшон зи
2. ИЛ – ҳаргиз
3. Л – раҳ-бар

www.sattor.com

Бибурред[1], то ӯ ба хуни каён,
Чу бедаст бошад, набандад миён».

Буриданду ҳам дар замон ӯ бимурд,
Пур аз хун равонаш ба Яздон супурд.[2]

САР ПЕЧИДАНИ ГУСТАҲМ АЗ ХУСРАВИ ПАРВИЗ ВА ХОСТАНИ Ӯ ГУРДИЯРО

В-аз он пас ба сӯи Хуросон касе
Фиристоду андарз кардаш басе.

Бад-ӯ гуфт: «Бо кас маҷунбон забон,
Аз эдар бирав то дари марзбон.

Ба Густаҳм гӯй, эч гуна мапой,
Чу ин номаи мо бихонӣ, биёй».

Фиристода чун дар Хуросон расид,
Ба даргоҳи марди таносон расид.

Бигуфт, он ки фармони Парвиз буд,
Ки шоҳи ҷавон буду хунрез буд.

Чу Густаҳм бишнид, лашкар биронд,
Пароканда лашкар ҳама бозхонд.

Чунин то ба шаҳри бузургон расид,
Зи Сориву Омул ба Гургон расид.

Шунид он, ки шуд шоҳи Эрон дурушт,
Бародар-шро шаб ба мастӣ бикушт.

Чу бишнид, гушти ялонӣ биканд,
Фуруд омад аз пушти аспи саманд.

Ҳама ҷомаи паҳлавӣ кард чок,
Хурӯшон ба сар - бар ҳаме рехт хок.

Бидонист, к-ӯро ҷаҳондор шоҳ
Ба кини падар кард хоҳад табоҳ.

1. Л –Бубурранд
2. И –б. 2918 нест.

www.sattor.com

Хурӯшон аз он ҷойгаҳ бозгашт,
Ту гуфтӣ, ки бо бод ҳамбоз гашт.

Сипоҳи пароканда кард анҷуман,
Ҳаме тохт то бешаи Норван.

Чу наздикии кӯҳи Омул расид,
Сипаҳро бад-он беша андаркашид.

Ҳаме бурд бар ҳар сӯе тохтан,
Бад-он тохтан буд кин охтан.[1]

Ба ҳар сӯ, ки бекор мардум буданд,
Ба нон-бар[1] ҳама бандаи ӯ шуданд.

Ба ҷое куҷо лашкари шоҳ буд,
Ки Густаҳм аз он лашкар огоҳ буд.

Ҳаме бар сароншон фуруд омадӣ,
Сипаҳро якояк ба ҳам барзадӣ.

В-аз он пас чу Гурдӯй шуд назди шоҳ,
Бигуфт он куҷо хоҳараш бо сипоҳ.

Бад-он марзбонони хоқон чӣ кард,
Ки дар Марв аз эшон баровард гард.

В-аз ин рӯй Густаҳм бишнид низ,
Ки Баҳроми ялро пур омад қафиз.

Ҳамон Гурдия бо сипоҳе бузург
Бирафт аз бари номдори сутург.

Паси ӯ биёмад сипоҳе ба кин,
Чи кард ӯ бад-он номдорони Чин.

Пазира шуданро сипаҳ барнишонд
В-аз он беша чун бод лашкар биронд.

Чу огоҳ шуд Гурдия, рафт пеш
Аз Омӯй бо номдорони хеш.

1. И – бохтан. ИЛ – ноне.

www.sattor.com

Чу Густаҳм дид он сипаҳро ба роҳ,
Барангехт асп аз миёни сипоҳ.

Биёмад бари Гурдия пур зи дард,
Фаровон зи Баҳром тимор х(в)ард.

Ҳам он дарди Биндӯй бо вай[1] бигуфт,
Ҳаме б-остин хун зи мижгон бируфт.

Ялонсинаро диду Эзадгушасп,
Фуруд омад аз дур гирён зи асп.

Бигуфт он ки Биндӯйро шаҳрёр
Табаҳ карду бад шуд маро рӯзгор.

Ту гуфтӣ на аз хоҳараш зода буд,
На аз баҳри ӯ тан ба хун дода буд.

Ба торак-бар ӯро раво доштӣ,
Равон пеши хокаш фидо доштӣ.

Ба мастӣ зи тан дасту пояш бурид,
Бад-он сон ки аз гавҳари ӯ сазид.

Шуморо бад-ӯ чист акнун умед,
Ки ӯ камтар аз тирмаҳ, бори[2] бед.

Або ҳамгинонтон батар з-он кунад,
Ба шаҳр[3] - андарун гӯшт арзон кунад.

Чу аз дур бинад Ялонсинаро,
Барошӯбаду нав кунад кинаро,

Ки солор будӣ ту Баҳромро,
Аз ӯ ёфтӣ дар ҷаҳон комро.

Аз ӯ ҳар кӣ донад-ш, парҳез беҳ,
Гулӯи варо дашнаи тез беҳ.

Гар эдар бибошед бо мо ба ҳам,
Занем андар ин рой бар бешу кам.

1. ИЛ – ӯ
2. Л – барги
3. Л – Марв

www.sattor.com

Пазируфт аз ӯ ҳар ки бишнид панд,
Ҳаме част ҳар кас[1] зи роҳи газанд.

Забон тез бо Гурдия баркушод,
Ҳаме кард кирдори[2] Баҳром ёд.

Зи гуфтори ӯ гашт Гурдия суст,
Шуд андешаҳо бар дилаш нодуруст.[3]

Бибуданд яксар ба наздики ӯй,
Дурахшон шуд он ройи торики ӯй.

Ялонсинаро гуфт: «Ин зан ба шӯй
Чӣ гӯяд, чӣ ҷӯяд бад-ин обрӯй?»

Чунин дод посух, ки «то гӯямаш,
Ба гуфтори бисёр дил шӯямаш».[4]

Ялонсина бо Гурдия гуфт: «Зан
Ба гетӣ туро дидаам ройзан.

Зи хоқон карона[5] гузидӣ, сазид,
Ки ройи ту озодагонро гузид.

Чӣ гӯӣ зи Густаҳми ял ҳоли шоҳ,
Тавонгар, сипаҳбад, саре бо сипоҳ?»

Бад-ӯ гуфт: «Шӯе, к-аз Эрон бувад,
Аз ӯ тухмаи мо на вайрон бувад».

Ялонсина ӯро ба Густаҳм дод,
Диловар гаве буду хусравнажод.[6]

Ҳаме дошташ чун яке тоза себ,
Ки андар баландӣ надидӣ нишеб.

Сипоҳе ки аз назди Хусрав шудӣ,
Бар ӯ рӯзгори куҳан нав шудӣ.

---

1. Л – ҳар як
2. Л – гуфтори
3. ТП – Чу якчанд гоҳе баромад бар ин,
   Гаҳе буд шодон, гаҳ андӯҳгин.
4. И –б. 2961–2963 нест. Л –ҷӯямаш.
5. И –киро беҳ
6. Л – буд фаррухнажод.

www.sattor.com

Ҳар он гаҳ, ки дидӣ шикасти сипоҳ,
Гавонро ҳаме доштӣ дар паноҳ.

КУШТА ШУДАНИ ГУСТАҲМ БА ДАСТИ ГУРДИЯ БА ЧОРАИ ХУСРАВИ ПАРВИЗ ВА ГУРДӮЙ

Чунин то баромад бар ин чанд гоҳ,
Зи Густаҳм пурдард шуд ҷони шоҳ.

Барошуфт рӯзе, ба Гурдӯй гуфт,
Ки «Густаҳм бо Гурдия гашт ҷуфт.

Сӯи ӯ шуданд он бузург анҷуман,
Бар онам, ки ӯ будашон ройзан.

Зи Омул кас омад зи корогаҳон,
Ҳама фош кард, он ки будӣ ниҳон.

Ҳаме гуфт аз ин гуна, то тира гашт,
Зи дидор[1] чашми ялон хира гашт.

Чу созандагон шамъу май сохтанд,[2]
Зи бегона айвон бипардохтанд.[3]

Ҳамон низ Гурдӯю Хусрав ба ҳам,
Ҳаме гуфт ҳар гуна аз бешу кам.

Бад-ӯ гуфт: «Аз эдар фаровон сипоҳ
Ба Омул фиристодаам кинахоҳ.

Ҳама баставу ҳаста боз омаданд,
Пур аз нолаву богудоз омаданд.

Кунун андар ин рой моро якест,
Гар он рой бо тоҷу тахт андакест.

Чу Баҳроми Чӯбина гум кард роҳ,
Ҳамеша будӣ Гурдия некхоҳ.

1. Л – гуфтор
2. И – хостанд,
3. И – Ҳама кохи ӯро биёростанд:
   ТПИМ – Зи бегонамардум бипардохт ҷой,
   Нишаст аз бари тахт бо раҳнамой.

www.sattor.com

Кунун чорае ҳаст наздики ман,
Магӯй ин сухан бар сари анҷуман.

Сӯи Гурдия нома бояд навишт,
Чу ҷӯе пур аз май ба боғи биҳишт,

Ки то ту ҳаме дӯстдорӣ кунӣ,
Ба ҳар кору ҳар ҷой ёрӣ кунӣ.

Баромад бар ин рӯзгори дароз,
Забон аз дилам ҳеҷ накшод роз.

Кунун рӯзгори сухан гуфтан аст,
Ки Гурдӯй моро ба ҷои тан аст.

Нигар, то чӣ гуна кунӣ чорае,
К-аз он гум шавад зишт патёрае,

Ки Густаҳмро зери санг оварӣ,
Дилу хонаи мо ба чанг оварӣ.

Чу ин карда бошӣ, сипоҳи туро,
Ҳамон дар ҷаҳон некхоҳи туро

Ба наздики маншон бувад зинҳор,
Ба ҳар ҷой ҳаргиз набошанд хор.

Касеро, ки хоҳӣ, диҳам кишваре,
Ки гардад бад-он кишвар - андар саре.

Ту ой ба мушкӯи заррини мо,
Сар оварда бошӣ ҳама кини мо.

Бар ин бархӯрам чанд савганд низ,
Физоям бар ин бандҳо банд низ».[1]

Бад-ӯ гуфт Гурдӯй: «Анӯша бадӣ,
Чу Ноҳид дар бурҷи Хӯша бадӣ!

Ту донӣ, ки ман ҷону фарзанди хеш,
Бару буми ободу пайванди хеш--

1. ТПИЛ – Агар печам, ин дил зи савганди ман,
Мабодо, зи ман шод пайванди ман...

www.sattor.com

Ба ҷои сари ту надорам ба чиз,
Гар ин чизҳо арҷманд аст низ.

Бад-ин кас фиристам ба наздики ӯй,
Дурахшон кунам ҷони торики ӯй.

Яке нома хоҳам бар ӯ мӯҳри шоҳ,
Ҳам он хатти ӯ чун дурахшанда моҳ.

Ба хоҳар фиристам зани хешро,
Кунам дур аз ин дар бадандешро.

Ки чун ин сухан нест ҷуз кори зан,
Бавижа зане, к-ӯ бувад ройзан.

Бар ин низ ҳар чун ҳаме бингарам,
Паёми ту бояд бари хоҳарам.

Барояд ба коми ту ин кор зуд,
Бар[1] ин бешу камтар[2] набояд фузуд».

Чу бишнид Хусрав, бад-он шод гашт,
Ҳама ранҷҳо бар дилаш бод гашт.

Ҳамон гаҳ зи ганҷур қиртос хост,
Зи мушки сияҳ суда анқос хост.

Яке нома бинвишт чун бӯстон,
Гули бӯстон чун рухи дӯстон.

Пур аз аҳду паймону савгандҳо,
Зи ҳар гунае лобаву пандҳо.

Чу баргашт унвони он нома хушк,
Ниҳоданд мӯҳре бар ӯ – бар зи мушк[3]

Яке нома бинвишт Гурдӯй низ,
Бигуфт андар ӯ панду бисёр чиз.

1. Л–Аз
2. Л –кам бар
3. ТПИЛ – Нигине бар ӯ номи Парвизшоҳ,
Ниҳоданд бар мӯҳр мушки сиёҳ.

* И – санги

www.sattor.com

Сари нома гуфт, ончи Баҳром кард,
Ҳама дудаву бум бадном кард,

Ки бахшоиш ород Яздон бар ӯй,
Мабодо[1] пушаймон аз он гуфтугӯй.

Ҳар он кас, ки ҷонаш надорад хирад,
Каму бешии корҳо нангарад.

Гар ӯ рафт, мо аз паси ӯ равем,
Ба доди Худои ҷаҳон биграввем.

Чу ҷуфти ман ояд ба наздики ту,
Дурахшон кунад ройи торики ту.

Зи гуфтори ӯ ҳеҷ гуна магард,
Чу гардӣ, шавад бахти мо[2] рӯйзард.

Ниҳод он хати Хусрав андар миён,
Бупечид бар нома-бар парниён.

Зани чорагар бистад он номаро,
Шунид он суханҳои худкомаро.

Ҳаме тохт то бешаи Норван,
Фиристода зан буд наздики зан.

Аз ӯ Гурдия шуд чу хуррамбаҳор,
Ҳама рух пур аз бӯю рангу нигор.

Зи Баҳром чандин сухан ронданд,
Ҳаме оби мижгон барафшонданд.

Пас он номаи шӯй бо хатти шоҳ
Ниҳонӣ бад-ӯ доду бинмуд роҳ.

Чу он шерзан номаи шоҳ дид,
Ту гуфтӣ, ба рӯи замин моҳ дид.

Бихандиду гуфт:«Ин суханро ба ранҷ
Надорад касе, к-аш бувад ёр панҷ.

1. И – Мабодаш
2. Л – В-агарна шавад бахтро

www.sattor.com

Бихонд он хати шоҳ бар панҷ тан,
Ниҳон дошт аз номдор анҷуман.

Чу букшод лаб, зуд паймон бубаст,
Гирифт он замон дасти эшон ба даст.

Ҳам он панҷ танро бари хеш хонд,
Ба наздикии хобгаҳ барнишонд.

Чу шаб тира шуд, рӯшноӣ бикушт,
Лаби шӯй бигрифт ногаҳ ба мушт.

Аз он мардумон низ ёр омаданд,
Ба болини он номдор омаданд.

Бикӯшид бисёр бо марди маст,
Саранҷом гӯё забонаш бубаст.

Сипаҳбад ба торикӣ - андар бимурд,
Шабу рӯзи равшан ба ҷӯё супурд.

Ба шаҳр - андарун бонгу фарёд хост,
Ба ҳар барзане оташу бод хост.

Чу овоз бишнид нобокзан,[1]
Ба хафтони румӣ бипӯшид тан.

Шаби тира эрониёнро бихонд,
Суханҳои он кушта чанде биронд.

Пас он номаи шоҳ бинмудашон,
Далериву тундӣ бияфзудашон.

Ҳама саркашон офарин хонданд,
Бар он нома - бар гавҳар афшонданд.

НОМА НАВИШТАНИ ГУРДИЯ БА ХУСРАВ ВА ХОСТАНИ ХУСРАВИ ПАРВИЗ ӮРО

Давоту қалам хост нобокзан,
Ба ором биншаст бо ройзан.

1. ИЛ – нопокзан,

www.sattor.com

Яке нома бинвишт[1] наздики шоҳ,
Зи бад хонду аз[2] мардуми некхоҳ.

Сари нома кард офарин аз нахуст
Бар он кас, ки ӯ кина аз дил бишуст.

Дигар гуфт: «Коре, ки фармуд шоҳ,
Баромад ба коми дили некхоҳ.

Пароканда гашт он сипоҳи сутург
Ба бахти ҷаҳондор, шоҳи бузург.

Нишастам кунун, то чи фармон диҳӣ,
Чӣ овезӣ аз гӯшвори раҳӣ?»

Чу он нома наздики Хусрав расид,
Аз он зан варо шодии нав расид.

Фиристодае хост ширинзабон,
Баландахтару поку равшанравон.

Яке нома бар сони аржанги Чин
Набиштанду карданд чанд офарин.

Гаронмоязанро ба даргоҳ хонд,
Ба нома варо афсари моҳ хонд.

Фиристода омад бари зан чу гард,
Суханҳои Хусрав ҳама ёд кард.

Зани шер аз он номаи шаҳрёр
Чу рахшандагул шуд ба вақти баҳор.

Сипаҳро ба дар хонду рӯзӣ бидод,
Чу шуд рӯз равшан, буна барниҳод.

Чу омад ба наздикии шаҳри шоҳ,
Сипоҳе пазира шудандаш ба роҳ.[3]

1. Л – номае кард
2. Л – бадхоҳ в-аз
3. Л – Чу омад ба наздикии шаҳрёр,
Пазира шудандаш сарони савор.

www.sattor.com

Зи раҳ чун ба даргоҳ шуд, бор ёфт,
Дили тоҷвар пур зи тимор[1] ёфт.

Биёвард аз он пас нисоре гарон,
Ҳам он[2] кас, ки буданд бо ӯ сарон.

Ҳама ганҷу он хоста пеш бурд,
Якояк ба ганҷури шаҳ[3] баршумурд.

Зи динору аз гавҳари шоҳвор
Кас онро надонист кардан шумор.

Зи дебои зарбафту тоҷу камар,
Ҳамон тахти заррину заррин сипар.

Нигаҳ кард Хусрав бад-он зодсарв,
Ба рух чун баҳору ба рафтан тазарв.

Ба рухсора рӯзу ба гесӯ чу шаб,
Ҳаме дурр борад, ту гуфтӣ, зи лаб.

Варо дар шабистон фиристод шоҳ,
Зи ҳар кас фузун шуд варо пойгоҳ.

Фиристод назди бародар-ш кас,
Ҳамон назди дастури фарёдрас.

Ба оини ин дин мар ӯро бихост,
Пазируфту[4] бо ҷон ҳаме дошт рост.

Ба ёрон-ш-бар хилъат афканд низ,
Дирам доду динору ҳар гуна чиз.

ҲУНАР НАМУДАНИ ГУРДИЯ НАЗДИ ХУСРАВ

Ду ҳафта баромад, бад-ӯ гуфт шоҳ:
«Ба хуршеду моҳу ба тахту кулоҳ,

Ки баргӯй аз он ҷанги хоқониён
Бубандӣ чунон ҳам камар бар миён».

1. Л – з-ӯ беозор
2. Л – Ҳар он
3. ИЛ – ӯ
4. Л – Бипазруфту

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт:«Шоҳо, анӯша бадӣ,
Равонро ба дидор тӯша бадӣ.

Бифармой, то аспу зин оваранд,
Камону каманду камин оваранд.

Ҳамон найзаву хӯду хафтони ҷанг,
Яке таркаш оганда тири хаданг».

Парастандаеро бифармуд шоҳ,
Ки дар боғи Гулшан биёрой гоҳ.

Бирафтанд бедордил бандагон,
Зи турку зи румӣ парастандагон.

Зи хубони Хусрав ҳазору дувист,
Ту гуфтӣ, ба боғ - андарун роҳ нест.

Чу хуршед Ширин ба пеш - андарун
Хиромон ба болои симинсутун.

Пиёда хиромон зи ҷои нишаст,
Камар бар миён баста, найза ба даст

Бишуд Гурдия то ба наздики шоҳ,
Зиреҳ хост аз турку румӣ[1] кулоҳ.

Ба шоҳи ҷаҳон гуфт: «Дастур бош,
Яке чашм букшо, зи бад дур бош».

Бад-он пурҳунар зан бифармуд шоҳ,
Ки ояд ба наздики аспи сиёҳ.

Буни найзаро бар замин барниҳод,
Ба болои[2] зин андаромад чу бод.

Ба боғ - андар овардгоҳе гирифт,
Чапу рост бегона роҳе гирифт.

Ҳаме ҳар замон асп баргоштӣ
В-аз абри сияҳ наъра бугзоштӣ.

1. Л – турк одӣ
2. Л – Зи боло ба

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт: «Ҳангоми разми Тувург
Бар ин гуна будам чу арғундагург».

Чунин гуфт Ширин, ки «эй шаҳрёр,
Ба душман диҳӣ олати корзор,

Ки хуни бародар ба ёд оварад,
Битарсам, ки корат ба бод оварад.

Ту бо ҷомаи пок бар тахти зар
Варо ҳар замон бо ту бошад гузар».

Ба ханда ба Ширин чунин гуфт шоҳ,
К-«аз ин зан ҷуз аз дӯстдорӣ махоҳ».

Ҳаме тохт гирд - андарун Гурдияҳ[1]
Ба овардгаҳ, гуфт: Хусрав, ки – «Зеҳ!»[2]

Ҳаме гуфт боре бадандеш шоҳ,
Ба пеши ман астӣ ба овардгоҳ!

Ҳам акнун зи зинат ба сони Тувург
Ҷудо кардаме пеши шоҳи бузург.

Бад-ӯ монда буд Хусрав андар шигифт,
Бад-он бурзу болову бозуву[3] кифт.

Чунин гуфт бо Гурдия шаҳрёр,
Ки «эй беғам[4] аз гардиши рӯзгор!

Кунун то бубинам, ки бо ҷоми май
Ҳаме суст бошӣ, агар[5] сахтпай.

Яке ҷом пур бодаи хусравон
Ба каф барниҳод он зани паҳлавон,

Ки гаштӣ гурезон аз он аҳриман,
Ниҳода бар ӯ дидаҳо анҷуман.

1. Л – Гурдия
2. Л – овардгоҳи куҳан яктана.
3. Л – он ёлу
4. ИЛ – беайби
5. Л –В-агар

www.sattor.com

Ба ёди сипаҳбад ба як дам бих(в)ард,
Баровард аз он чашмаи зард гард.

Сипаҳбад шигифтӣ бимонд андар ӯ,
Бад-ӯ гуфт, к-«эй моҳи пайкорҷӯ![1]

Ба гирди ҷаҳон чор солори ман,
Ки ҳастанд бар ҷон нигаҳдори ман.

Або ҳар яке з-он даҳу ду ҳазор
Аз эрониёнанд ҷангисавор.

Чунин ҳам ба мушкӯи заррини ман,
Чи дар хонаи гавҳарогини ман,

Парастор бошад даҳу ду ҳазор,
Ҳама[2] пок бо тавқу бо гӯшвор.

Аз ин пас нигаҳбони эшон туӣ,
Ки бо ранҷу тимори хешон туӣ.

Нахоҳам, ки гӯянд аз эшон сухан,
Касе ҷуз ту, гар нав бувад, гар[3] куҳан».

Шунид он сухан Гурдия, шод гашт,
Зи беғораи душман озод гашт.

Ҳаме рӯфт рӯи заминро ба рӯй,
Ҳаме офарин хонд бар фарри ӯй.

ДАР САБАБИ ХАРОБ ШУДАНИ ШАҲРИ РАЙ

Баромад бар ин низ рӯзе дароз,
Нагашт ахтари номвар ҷуз ба ноз.

Шабе май ҳаме хӯрд бо мӯбадон,
Бузургони корозмуда радон

Бад-он маҷлис - андар яке ҷом буд,
Набишта бар ӯ номи Баҳром буд.

1. И –б. 3088, 3091 нест.
2. Л –Ҳамон
3. Л –ар нав буванд, ар

www.sattor.com

Бифармуд, то ҷом биндохтанд,
Бар он ҳар касе дил бипардохтанд.

Гирифтанд нафрини Баҳром - бар
Бар он ҷому созандаи ҷом - бар.

Чунин гуфт, к-«акнун бару буми Рай
Бикӯбанд пилони ҷангӣ ба пай.

Ҳама мардум аз шаҳр берун кунанд,
Ҳаме Рай ба пай дашти ҳомун кунанд.

Гаронмоя дастур бо шаҳрёр,
Чунин гуфт, к–«эй аз каён ёдгор!

Нигаҳ кун, ки шаҳре бузург аст Рай,
Нашояд, ки кӯбанд пилон ба пай,

Ки Яздон бад-ин кор ҳамдостон
Набошад, на ҳам бар замин ростон».

Ба дастур гуфт он замон шаҳрёр,
Ки «бадгавҳаре боядам бетабор,[1]

Ки якчанд бошад ба Рай марзбон
Яке марди бедониши бадзабон».

Бад-ӯ гуфт дастур: «Гар шаҳрёр
Бигӯяд нишони чунин нобакор,

Биҷӯям ва[2] инро ба ҷой оварам,[3]
Нашояд, ки бераҳнамой оварам».[4]

Чунин гуфт Хусрав, ки «бисёргӯй
Нажандахтаре боядам сурхмӯй.

Танаш зишту бинӣ кажу рӯй зард,
Бадандешу кӯтоҳу дил пур зи дард.

1. ИЛ – нобакор.
2. ИЛ – Биҷӯему
3. ИЛ – оварем,
4. Л – Ба назди касе раҳнамой оварем: И – оварем.

www.sattor.com

Ҳам он баддилу сифлаву бефурӯғ,
Сараш пур зи кину забон пурдурӯғ,

Ду чашмаш ҳамон сурху[1] дандон бузург,
Ба роҳ - андарун каж равад ҳамчу гург».

Ҳама мӯбадон монда з-ӯ дар шигифт,
Ки то ёди Хусрав чунин чун гирифт?

Ҳаме ҷуст ҳар кас ба гирди ҷаҳон,
Зи шаҳри касон аз кеҳону меҳон.

Чунон буд, ки рӯзе касе назди шоҳ
Биёмад, к-аз ин гуна марде ба роҳ,

Бидидам, биёрам ба фармони Кай,
Бад-он то фиристад-ш мӯбад ба Рай.

Бифармуд, то пеши ӯй оваранд
В-аз он гуна бозе зи кӯй оваранд.

Бибурданд аз ин гуна марде бараш,
Бихандид аз ӯ кишвару лашкараш.

Бад-ӯ гуфт Хусрав: «Зи кирдори бад
Чӣ дорӣ ба ёд, эй бади бехирад?»[2]

Чунин дод посух, ки «аз кори бад
Наёсояму нест бо мо хирад.

Сухан ҳар чӣ гӯям, дигаргун кунам,
Тану ҷони пурсанда пурхун кунам.

Сари мояи ман дурӯғ асту бас,
Сӯи ростӣ нестам дастрас.

Або ҳар кӣ паймон кунам, бишканам,
Паю бехи родӣ ба хок афканам».[3]

Бад-ӯ гуфт Хусрав: «Зи шум ахтарат
Навишта мабодо ҷуз ин бар сарат!»

1. Л – каҷу сабзу
2. Л – ор гуфтори бад.
3. ИЛ –б. 3128 нест.

www.sattor.com

Ба девон навиштанд маншури Рай,
Зи зиштӣ бузурге шуд он некпай.[1]

Сипоҳе пароканда ӯро супурд,
Бирафт аз дару номи зиштӣ бибурд.

Чу омад ба Рай марди нотандуруст,
Дилу дида аз шарми Яздон бишуст.

Бифармуд, то новдонҳои бом
Биканданду ӯ шуд бад-он шодком.

В-аз он пас ҳама гурбагонро бикушт,
Дили кадхудоён бад-он шуд дурушт.

Ба ҳар сӯ ҳаме рафт бо раҳнамой,
Мунодигаре пеши ӯ-бар ба пой.

Ҳаме гуфт: «Агар новдоне ба ҷой
Бубинам в-агар гурбае дар сарой,

Бад-он буму бар оташ андарзанам,
Зи баршон ҳама санг бар сар занам».

Ҳаме ҷуст, ҳар ҷо[2] ки буд як дирам,
Худованди ӯро фикандӣ ба ғам.

Ҳама хона аз бим[3] бугзоштанд,
Дил аз буми обод бардоштанд.

Чу борон будӣ, новдоне набуд,
Ба шаҳр - андарун посбоне набуд.

Аз он зишти бадкомаи шумпай,
Ки омад зи даргоҳи Хусрав ба Рай,

Шуд он шаҳри обод яксар хароб,
Ба сар-бар ҳаме тофтшон[4] офтоб.

1. ИЛ – ин шумпай.
2. Л –Ҳаме тохт ҷое,
3. ИЛ– муш
4. ИЛ – ҳаме тофтӣ

www.sattor.com

Ҳама шаҳр яксар пур аз доғу дард,.
Кас андар ҷаҳон ёди эшон накард.

БОЗӢ СОХТАНИ ГУРДИЯ ПЕШИ ХУСРАВ ВА БАХШИДАНИ ХУСРАВ РАЙРО БА Ӯ

Чунин, то биёмад маҳи Фарвадин,
Биёрост гулбарг рӯи замин.

Сиришки сари абр чун жола гашт,
Ҳама кӯҳу ҳомун пур аз лола гашт.

Ҳама роғҳо шуд чу пушти паланг,
Замин ҳамчу дебои румӣ ба ранг.

Бузургон ба бозӣ ба боғ омаданд,
Ҳамон мешу оҳу ба роғ омаданд.

Чу Хусрав кушода дари боғ дид,
Ҳама чашмаи боғ пурмоғ дид.

Бифармуд, то бардамиданд буқ
Биёвард пас таштҳои халуқ.

Нишастанду бар сабза май хостанд,
Ба шодӣ забонро биёростанд.[1]

Биёвард пас Гурдия гурбаке,
Ки пайдо набуд гурба аз кӯдаке.

Бар аспе нишонда ситоме ба зар,
Ба зар-андарун чанд гуна гуҳар.

Фурӯ ҳишта аз гӯши ӯ гӯшвор,
Ба нохун-бар аз лола кард[а] нигор.

---

1. ТПЗ – Кас омад ба Гурдӯй аз шаҳри Рай,
Бараш достоне бияфканд пай.
Аз он дард Гурдӯй ғамхора гашт,
В-аз андешаи дил сӯи чора гашт.
Якояк бародар ба хоҳар бигуфт,
Ки ин гуфт бар шаҳ надорӣ нуҳуфт.
Нигар, то тавонӣ яке чора кард,
Ки гардад дили шоҳ аз ин кор сард.

www.sattor.com

Ба дида чу қору ба рух чун баҳор,
Чу майхӯрдае чашми ӯ пурхумор.

Ҳаме тохт чун кӯдаке гирди боғ,
Фурӯ ҳишта аз аспи заррин ҷуноғ.

Лаби шоҳи Эрон пур аз ханда гашт,
Ҳама меҳтар он хандаро банда гашт.

Або Гурдия гуфт, к-«аз орзуй
Чӣ хоҳӣ, бигӯй, эй зани некхӯй?»

Зани чорагар бурд пешаш намоз,
Чунин гуфт, к-«эй шоҳи гарданфароз,

Ба ман бахш Райро, хирад ёд кун,
Дили ғамгинон аз ғам озод кун.

Зи Рай мардаки шумро бозхон,
Варо марди бадкеши бадсоз хон.

Ҳаме гурба аз хон[1] берун кунад,
Якояк ҳама новадон[2] барканад».

Бихандид Хусрав зи гуфтори зан,
Бад-ӯ гуфт к-«эй шӯхи лашкаршикан!

Ба ту додам он шаҳру он русто,
Ту бифрист акнун яке порсо».

Зи Рай бозхонд он бадандешро,
Чу оҳарман он зишти бадкешро.

Ҳаме ҳар замонаш фузун буд бахт
Аз он тоҷвар хусравонӣ дарахт.

1. ИЛ –хона
2. Л –Ҳама новадон як ба як

www.sattor.com

БАХШ КАРДАНИ ХУСРАВ ПОДШОҲИИ ХУД ВА ЛАШКАР ФИРИСТОДАН БА МАРЗҲОИ ЭРОН

В-аз он пас чу густурда шуд дасти шоҳ,
Саросар ҷаҳон шуд варо некхоҳ.[1]

Ҳама тоҷдорон-ш кеҳтар шуданд,
Ҳама кеҳтарон з-ӯ тавонгар шуданд.[2]

Гузин кард аз Эрон чилу ҳашт ҳазор
Ҷаҳондидаву гурду ҷангӣ савор.

Дари ганҷҳои куҳан баркушод,
Ки бинҳод Пирӯзу фаррух Қубод.

Ҷаҳонро бубахшид бар чор баҳр,
Якояк ҳама номзад кард шаҳр.

Аз он номдорон даҳу ду ҳазор,
Саворони ҳушёру ханҷаргузор,

Фиристод Хусрав сӯи марзи Рум,
Нигаҳбони он фаррух ободбум.

Бад-он то зи Рум андар Эрон сипоҳ
Наёяд, ки кишвар шавад з-ӯ табоҳ.

Магар ҳар касе бар кунад марзи хеш,
Бидонад сари мояву арзи хеш.

Ҳам аз номдорон даҳу ду ҳазор
Ҳама ҷангҷӯй аз дари корзор.

Бад-он то сӯи Зобулистон шаванд,
Ба буми сияҳ аз гулистон шаванд.

Бад-эшон чунин гуфт, к-«он к-ӯ зи роҳ
Бигардад, надорад забонро нигоҳ.

Ба чарбӣ мар ӯро ба роҳ оваред,
К-аз ин бугзарад, банду чоҳ оваред.

---

1. Л-б. 3166-нест.
2. И – б. 3167 нест.

www.sattor.com

Ба ҳар сӯ фиристед корогаҳон,
Бад-он то намонад сухан дар ниҳон.

Талоя бибояд ба рӯзу шабон,
Махуспед дар хайма бепосбон.

Зи лашкар даҳу ду ҳазори дигар
Диловар бузургони пархошх(в)ар

Бихонду басе пандҳо додашон,
Ба роҳи Алонон фиристодашон.

Бад-эшон супурд он[1] дари Бохтар,
Бад-он то набошад зи душман гузар.

Бад-он саркашон гуфт: «Бедор бед,
Ҳама дар паноҳи ҷаҳондор бед.

Даҳу ду ҳазори дигар баргузид
Зи мардони ҷангӣ, чунон чун сазид.

Ба сӯи Хуросон фиристодашон,
Басе панду андарзҳо додашон,

Ки аз марзи Ҳайтол то марзи Чин
Набояд, ки кас пай ниҳад бар замин.

Магар б-огаҳиву ба фармони мо
Равон баста дорад ба паймони мо.

Ба ҳар кишваре ганҷи оганда ҳаст,
Ки касро набояд шудан дурдаст.

Чу бояд бихоҳеду хуррам шавед,[2]
Хирадманд бошеду беғам шавед.[3]

Дари ганҷ букшоду[4] чандон дирам,
Ки буди бар ӯ-бар зи Ҳурмуз[5] рақам,

1. Л – аз
2. Л –зиед,
3. Л –зиед.
4. Л –букшод,
5. Л –диди зи Ҳурмуз бар ӯ – бар

www.sattor.com

Биёварду гирён ба дарвеш дод,
Чу дарвеш пӯшида буд, беш дод.

Аз он кас, ки ӯ ёри Биндӯй буд,
Ба наздики Густаҳму Зангӯй[1] буд,

Ки буданд ёзон ба хуни падар,
Зи танҳои эшон ҷудо кард сар.

Чу аз кину нафрин бипардохт шоҳ,
Ба дониш яке дигар овард роҳ.

Аз он пас шабу рӯз гарданда даҳр
Нишасту бубахшид бар чор баҳр.

Аз он чор як баҳр мӯбад ниҳод,
Ки дорад суханҳои некӯ ба ёд.

Зи кори сипоҳу зи кори ҷаҳон
Бигуфтӣ ба шоҳ ошкору ниҳон.

Чу дар подшоҳӣ бидидӣ шикаст,
Зи лашкар гар аз мардуми зердаст--

Сабук домани дод бартофтӣ,
Гузашта биҷустиву дарёфтӣ.

Дигар ҷуз ба шодиву ромишгарон
Нишастан ба ором бо меҳтарон.

Надидӣ,[2] на андеша кардӣ зи бад,
Чунон к-аз раҳи номдорон сазад.

Севум баҳра гоҳи ниёиш будӣ,
Ҷаҳонофаринро ситоиш будӣ.

Чаҳорум шумори сипеҳри баланд
Ҳаме баргирифтӣ чиву чуну чанд.

1. Л – Густаҳм баргӯй
2. Л – нагуфтӣ,

www.sattor.com

Ситорашумар пеши ӯ-бар ба пой,
Чу[1] будӣ ба дониш[2] варо раҳнамой.

В-аз он баҳра ниме шаби дерёз
Нишастӣ ба май бо бутони Тароз.

Ҳамон низ як моҳ бар чор баҳр,
Бубахшид, то шод бошад зи даҳр.

Яке баҳри майдону чавгону тир,
Яке номвар пеши ӯ ёдгир.

Дигар баҳра з-ӯ дашту кӯҳу шикор,
К-аз он тоза гаштӣ варо рӯзгор.

Ҳар он гаҳ, ки гаштӣ зи нахчир боз,
Ба рахшанда рӯзу шаби дерёз

Ҳар он кас, ки будӣ варо дастгоҳ,
Бубастӣ ба шаҳр - андар озин ба роҳ.

Дигар баҳр шатранҷ будиву нард,
Сухан гуфтан аз рӯзгори набард.

Се дигар ҳар он кас, ки донанда буд,
Нависандаву чизхонанда буд,

Ба навбат варо пеш биншондӣ,
Суханҳои дерина бархондӣ.

Чаҳорум фиристодагонро зи роҳ
Ҳаме хондандӣ ба наздики шоҳ.

Набиштӣ ҳаме посухи нома боз,
Бидодӣ бад-он марди гарданфароз.

Фиристода бо хилъату коми хеш,
Зи дар бозгаштӣ ба ороми хеш.

1. ИЛ – Ки
2. И – бар оташ

www.sattor.com

Ҳам он рӯз маншури ҳар кишваре
Набиштӣ, супурдӣ ба ҳар меҳтаре.

Чу будӣ сари соли нав фарвадин,
Ки рахшон шудӣ дар дил аз хур[1] дин,

Ниҳодӣ яке ганҷ Хусрав ниҳон,
Ки нашнохтӣ кеҳтарӣ дар ҷаҳон.

ЗОДАНИ ШИРӮЯ - ПИСАРИ ХУСРАВ БА ФОЛИ БАД

Чу бар подшоҳиш шуд панҷ сол,
Ба гетӣ саросар набудаш ҳамол.

Шашум сол аз ин духти қайсар чу моҳ
Яке кӯдак омад ҳамонанди шоҳ.

Набуд он замон расм бонги намоз
Ба гӯши чунон парварида ба ноз.

Яке ном гуфтӣ мар ӯро[2] падар,
Ниҳонӣ дигар, ошкоро дигар.

Ниҳонӣ бигуфтӣ ба гӯш - андарун,
Ҳаме хондӣ ошкор аз бурун.

Ба гӯш - андараш ном гуфто Қубод,
Ҳаме хонд Ширӯи фаррухнажод.

Чу шаб кӯдак омад, гузашта се пос,
Биёмад бари кӯдак[3] ахтаршинос[4].

Аз ахтаршиносон бипурсид шоҳ,
Ки «ҳар кас, ки кард андар ахтар нигоҳ,

1. ИЛ – дили хур
2. ИЛ – Ба гӯши яке ном гуфтӣ
3. Л-Хусрав
4. Л-Пас аз б. 3227 ин б. омада:
Бар ӯ офарин кард ахтарпажӯҳ,
Бараш истоданд яксар гурӯҳ.

www.sattor.com

Чӣ диданду фарҷоми ин кор чист?
Зи зич ахтари ин ҷаҳондор чист?

Чунин дод посух ситорашумар,
Ки «бар чархи гардон наёбӣ гузар.

Аз ин кӯдак ошӯб гирад замин,
Нахонад сипоҳаш бар ӯ офарин.

Ҳам аз роҳи Яздон бигардад ба низ,
Аз ин бештар чун сароем чиз».

Дили шоҳ ғамгин шуд аз корашон
В-аз он носазовор гуфторашон.

Ниҳода бар он баста бар мӯҳри шоҳ,
Ки «беҳ з-ин кунед ин суханро нигоҳ.

Нигар, то нагардад забонтон бар ин
Ба пеши бузургони Эронзамин.

Ҳаме дошт он ахтари бад нигоҳ,
Ниҳода бар он, баста бар мӯҳри шоҳ.

Пурандеша шуд з-ин сухан шаҳрёр,
Бад-он[1] ҳафта касро нadоданд бор.

Зи нахчиру аз май ба як сӯ кашид,
Бад-он чанд гаҳ рӯи ӯ кас надид.

Ҳама меҳтарон пеши мӯбад шуданд,
Зи ҳар гунае достонҳо заданд.

Бад-он то чӣ шуд[2] номвар шоҳро,
Ки барбаст бар кеҳтарон роҳро.

Чу бишнид мӯбад, бишуд назди шоҳ,
Бад-ӯ дод яксар паёми сипоҳ.

1. Л – Дар он
2. Л – буд

www.sattor.com

Чунин дод посух варо шаҳрёр,
Ки «ман тангдил гаштам аз рӯзгор.

Зи гуфтори ин марди ахтаршинос
Зи гардуни гардон шудам носипос»[1].

Ба ганҷур фармуд, к-он парниён
Биёвар, яке руқъа андар миён.

Биёвард ганҷуру мӯбад бидид,
Дилаш танг шуд, хомушӣ баргузид.

В-аз он пас бад-ӯ гуфт: «Яздон бас аст,
Ки ӯ беҳтар аз дониши ҳар кас аст.

Аз эдун, ки ночор гардон сипеҳр
Дигаргун намояд, биҷӯянд чеҳр.

Ба тимор кай бозгардад зи бад,
Чунин гуфтан аз донишӣ кай сазад?

Зи гуфтори эшон макун ҳеч ёд,
Ҷуз аз шодмонит ҳаргиз мабод.

Ҷаҳонофарин пушту ёри ту бод!
Сари ахтар андар канори ту бод!»[2]

Зи мӯбад чу бишнид Хусрав сухун,
Бихандиду коре нав афканд бун.

Дабири писандидаро хонд пеш,
Сухан гуфт бо ӯ зи андоза беш.

---

1. И – бо ҳарос.
2. ТПЗ – Чунон чун бикорад фалак, бидравем,
Бад-ӯ кому ноком мо бигравем.
Бибояд будан чун бидорад сипеҳр,
Гаҳе кину пархошу гаҳ доду меҳр.
Аз ӯ колбадрост суду зиён,
Чу доно бувад, з-ӯ натарсад равон.

www.sattor.com

НОМА НАБИШТАНИ ХУСРАВ БА ҚАЙСАР ВА ПОСУХИ ҚАЙСАР ВА ХОСТАНИ Ӯ ДОРИ МАСЕҲ

Ба қайсар яке нома фармуд шоҳ,
Ки барнеҳ сазовори шоҳӣ кулоҳ,

Ки Марям писар зод маҳваш яке,
Ки ҳар кас[1] надидӣ чун ӯ кӯдаке.

Нашояд магар донишу бахтро
В-агар дар ҳунар бахшишу тахтро.

Чу ман шодмонам, ту шодон бизӣ,
Ки шодиву гарданкаширо сазӣ.

Чу он нома наздики қайсар расид,
Нигаҳ карду тавқеи Парвиз дид.

Бифармуд, то говдум бар дараш
Заданду пур аз бонг шуд кишвараш.

Бубастанд озин ба бероҳу роҳ
Бар овози Ширӯи Пирӯзшоҳ.

Баромад ҳам овози ромишгарон,
Ҳама шаҳри Рум аз карон то карон.

Ба даргоҳ бурданд чанде салиб,
Насими гулон[2] омаду бӯи тиб.

Ба як ҳафта з-ин гуна бо руду май
Бибуданд шодон зи Ширӯи кай.

Ба ҳаштум бифармуд, то корвон
Биёмад ба даргоҳ бо сорвон.

Сад уштур ба ганҷи дирам бор кард,
Чу панҷаҳ дигар бор динор кард.

1. ИЛ – ҳаргиз
2. ИЛ – гулоб

www.sattor.com

Зи дебои зарбафти румӣ дувист,
Ки гуфтӣ зи зар ҷомаро тор нест.

Чиҳил хони заррини поя бусад,
Чунон к-аз дари шаҳрёрӣ сазад.

Ҳамон чанд заррину симин дада,
Ба гавҳар бару чашмашон озада.

Ба Марям фиристод чанде гуҳар,
Яке парра[1] товус карда ба зар.

Чи аз ҷомаи нарму румӣ ҳарир,
Зи дурру забарҷад яке обгир

Ҳамон божи кишвар, ки буд чор бор,
Зи динори румӣ ҳазорон ҳазор

Фиристод бо марди румӣ чиҳил,
Куҷо ҳар чиҳил буд бедордил.

Гаве пешрав, номи ӯ Хонагӣ,
Ки ҳамто набудаш ба фарзонагӣ.

Ҳаме шуд бар ин гуна бо сорвон,
Шутурвор динор даҳ корвон.

Чу огоҳӣ омад ба Пирӯзшоҳ,
Ки пайғамбари шоҳ омад зи роҳ,

Ба Фаррух бифармуд, то барнишаст,
Яке марзбон буд хусравпараст,

Ки солор ӯ буд бар Нимрӯз,
Гаронмояе гурди лашкарфурӯз.

Бирафтанд бо ӯ саворони шоҳ,
Ба сар барниҳоданд заррин кулоҳ.

Чу аз дур дид он сипаҳ Хонагӣ,
Ба пеш андаромад ба бегонагӣ.

1. Л – парри

www.sattor.com

Чунин то ба наздики шоҳ омаданд,
Бад-он номвар боргоҳ омаданд.

Чу диданд зебо рухи шоҳро,
Бар он гуна ороста гоҳро.

Ниҳоданд ҳамвора сар бар замин,
Бар ӯ-бар ҳаме хонданд офарин.

Бимолид пас Хонагӣ рух ба хок,
Ҳаме гуфт, к«эй довари доду пок!

Зи пирӯзгар офарин бар ту бод,
Мабодӣ ҳамеша магар[1] шоҳу шод!»

Бузургонаш аз ҷой бархостанд,
Ба наздики шаҳ ҷояш оростанд.

Чунин гуфт пас шоҳро Хонагӣ,
Ки «чун ту кӣ бошад ба фарзонагӣ?

Зи хуршед бар чарх тобандатар,
Зи ҷони сухангӯй пояндатар.

Мабодо ҷаҳон бе чунин шаҳрёр,
Барӯманд бодо варо рӯзгор!

Мабинод кас рӯз бекоми ту,
Набишта ба хуршед-бар номи ту.

Ҷаҳон бесару афсари ту мабод,
Бару бум бе лашкари ту мабод!

Зи қайсар дуруду зи мо офарин
Бар ин номвар шаҳрёри замин.

Касе к-ӯ бар ин сояи[2] шоҳ шод
Набошад, варо рӯшноӣ[3] мабод!

1. ИЛ –ба ҷуз
2. ИЛ – ба пайвастани
3. ИЛ – зиндагонӣ

www.sattor.com

Або ҳадяву божи Рум омадем,
Бад-ин номбардор бум омадем.

Бирафтем бо файласуфон ба ҳам,
Бад-он то набошад кас аз мо дижам.

Зи қайсар пазирад магар божу[1] чиз,
Ки бо божу чиз[2] офарин аст низ».

Бихандид аз он пурҳунар мард шоҳ,
Ниҳоданд зераш яке зергоҳ.

Фиристод пас чизҳо сӯи ганҷ,
Бад-ӯ гуфт: «Чандин набоист ранҷ».[3]

Ба Харроди Барзин чунин гуфт шоҳ,
Ки «он нома бархон ба пеши сипоҳ».

Ба унвон нигаҳ кард марди дабир,
Ки гӯянда буд ӯву[4] ҳам ёдгир.

Чунин гуфт, к-«ин нома назди меҳ аст,
Сарафроз Парвизи яздонпараст.

Ҷаҳондори бедор, падроми шаҳр,
Ки Яздон-ш тоҷу хирад дод баҳр.

Ҷаҳондор фарзанди Ҳурмуздшоҳ,
Ки зебои тоҷ асту зебои[5] гоҳ.

Зи қайсар падармодари Шер ном,
Ки поянда бодо бар ӯ ному ком!

Або фарру бо барру[6] фирӯз бод,
Ҳама рӯзгорон-ш Наврӯз бод!

1. Л – шох
2. Л – ҳадяҳо
3. Л –Пас аз б. 3296 ин б. омада:
Ҳам аз баҳри Марям нисоре ки буд,
Сӯи ӯ фиристод он гоҳ зуд.
4. Л – ӯ буду
5. Л – арванду
6. Л – бурзу

www.sattor.com

Ба Эрону Нерон-бараш[1] дастрас,
Ба шоҳӣ мабодош анбоз кас.

Ҳамеша ба дил шоду равшан равон,
Ҳамеша хирад пиру давлат ҷавон.

Гаронмоя шоҳи Каюмррасӣ-
Ҳамон пури Ҳушанги Таҳмурасӣ.

Падар бар падар-бар, писар бар писар,
Мабодо, ки ин гавҳар ояд ба сар.

Бар ин покяздон кунад[2] офарин,
Бузургони мулку бузургони дин.

На чун ту савору на чун ту баҳор,
На чун ту ба айвони чини[3] нигор!

Ҳама мардумиву ҳама ростӣ,
Мабинод ҷонат дари костӣ!

Ба Эрону Нерону Ҳиндустон,
Ҳамон Турк, то Руму Ҷодустон-

Туро дод Яздон ба покӣ нажод,
Касе чун ту аз покмодар назод.

Фаридун чу Эрон ба Эраҷ супурд,
Зи Руму зи Чин номи шоҳӣ[4] бибурд.

Бар ӯ офарин кард рӯзи нахуст,
Дилашро зи кажживу торӣ бишуст.

Ҳама бениёзиву некахтарӣ,
Бузургиву мардиву афсунгарӣ-

Ту гӯӣ, ки Яздон шуморо супурд
В-аз ин дигарон номи мардӣ бибурд.

1. Л – Тӯрон-ш-бар: И–Тӯрон бадаш
2. Л- Бад-ин покрозон кунанд
3. ИЛ – Чин бар
4. Л – мардӣ

www.sattor.com

Ҳунарпарвару роду бахшандаганҷ,
Аз ин тухма ҳаргиз набуд кас ба ранҷ.

Ниҳоданд бар душманон божу сов,
Бадандешашон боркаш ҳамчу гов.

Ба[1] ҳангоми Кисрои Нӯшинравон,
Ки бодо ҳамеша равонаш ҷавон,

Ки чун ӯ яке шоҳ андар ҷаҳон
Набуду набошад зи тухми меҳон,[2]

Ки аз жарфдарё баровард пай,
Бар он гуна девор бедоркай.

Зи туркон ҳама бешаи Норван
Бирастанду беранҷ гашт анҷуман.

Зи душман бирастанд чандон[3] ҷаҳон,
Бар ӯ офарин аз кеҳону меҳон.

Зи тозиву ҳиндиву эрониён
Бубастанд пешаш камар бар миён.

Зи дарёи Чин то ба шаҳри Хазар,
Аз Армения то дари Бохтар,

Зи Ҳайтолу Турку Самарқанду Чоҷ
Бузургони бофарру аврангу тоҷ-

Ҳама кеҳтарони шумо будаанд,
Бар он бандагӣ-бар гуво будаанд,

Ки шоҳон зи тухми Фаридун буданд,
Дигар яксар аз дод берун буданд.

Бад-ин хешӣ акнун, ки ман кардаам,
Бузургӣ ба дониш баровардаам.

1. Л – Зи
2. Л – б. 3320 нест.
3. Л – ҷумла

www.sattor.com

Бад-он гуна шодам, ки ташна ба об
Ва ё сабзаи тира аз офтоб-

Ҷаҳондори бедор фаррух кунод,
Маро андар ин зуд посух кунод.

Яке орзу хоҳам аз шаҳрёр,
Ки он орзу назди ӯ ҳаст хор,

Ки дори Масеҳо ба ганҷи шумост,
Чу бинед, донед гуфтори рост.

Баромад бар он солиёни дароз,
Сазад гар фиристад ба мо шоҳ боз.

Бад-ин орзу шаҳрёри ҷаҳон
Бубахшояд аз мо, кеҳону меҳон.

Ба гетӣ бар ӯ[1]-бар кунанд офарин,
Ки бе ӯ мабодо замону замин!

Бад ин ман зи Хусрав пазирам сипос,
Ниёиш кунам рӯзу ҳар шаб се пос.

Ҳама ҳадяву сову боже, ки ман
Фиристам ба наздики он анҷуман,

Пазирад, пазирам сипосе бад-он,
Мабинод чашми ту рӯи бадон.

Шавад фаррух он ҷашну оини мо,
Дурахшон шавад дар ҷаҳон дини мо.

Ҳамин рӯзаи пок якшанбадӣ,
Зи ҳар дар парастидани эзадӣ.

Бар он сӯгворон бимоланд рӯй,
Бар ӯ-бар фаровон бисӯзанд бӯй.[2]

1. Л – Ҳама Рум бар вай
2. И – бисӯзанд мӯй.

www.sattor.com

Шавад он замон бар дили мо дуруст,
Ки аз кина дилҳо бихоҳед шуст,

Ки буд аз гаҳи Офаридун фароз,
Або Салму Тур андаромад ба роз.

Шавад кишвар осуда аз тохтан,
Ба ҳар гунае кинаҳо сохтан.

Зану кӯдаки румиён бурдаанд,
Дили мо зи ҳар гуна озурдаанд.

Бад-ин хешии мо ҷаҳон ром гашт,
Ҳама кори беҳуда падром гашт.

Дуруди ҷаҳонофарин бар ту бод!
Ҳама офарини замин бар ту бод!

Чу он номаи қайсар омад ба бун,
Ҷаҳондор бишнид чандин сухун.

Аз он нома шуд шоҳ хуррамниҳон,
Бар ӯ тоза шуд рӯзгори меҳон.

Басе офарин хонд бар Хонагӣ,
Бад-ӯ гуфт: «Бас кун зи бегонагӣ»

Гаронмояро ҷойгаҳ сохтанд,
Ду айвони хуррам бипардохтанд.

Бибурданд, чизе ки боист бурд,
Ба наздики он марди бедору гурд.

Биёмад, бидид он гузин ҷойгоҳ
В-аз он пас ҳаме буд наздики шоҳ.

Ба хону набиду шикору нишаст
Ҳаме буд бо шоҳи яздонпараст.

Бад-ин гуна як моҳ наздики шоҳ
Бибуданд шодондилу некхоҳ.

www.sattor.com

ПОСУХИ НОМАИ ҚАЙСАР АЗ ХУСРАВИ ПАРВИЗ

Чу як моҳ шуд, нома посух навишт,
Суханҳои бомағзу фаррух навишт.

Сари нома гуфт офарини меҳон,
Бар он бод, к-ӯ пок дорад ниҳон.

Баду нек бинад зи Яздони пок
В-аз ӯ дорад андар ҷаҳон тарсу бок.

Кунад офарин бар худованди меҳр,
К-аз ин гуна бар пой дорад сипеҳр.

Нахуст он ки кардӣ ситоиш маро,
Ба нома намудӣ ниёиш маро.

Бидонистаму шод гаштам бар он
Сухан гуфтани тоҷвар[1] бихрадон.

Пазируфтам ин номвар ганҷи ту,
Нахоҳам, ки чандон бувад ранҷи ту.

Азеро ҷаҳондори Яздони пок
Баровардa[2] буми туро аз[3] симок.

Зи Ҳинду зи Сақлобу Чину Хазар
Чунин арҷманд омад он буму бар.

Чи мардӣ, чи дониш, чи парҳезу дин
Зи Яздон шуморо расид офарин.

Чу кор омадам, пеш ёр омадӣ,
Ба ҳар донише ғамгусор омадӣ.

Чунин шод будам зи[4] пайванди ту,
Бад-ин пурҳунар покфарзанди ту,

1. Л –номвар
2. Л – баровард
3. Л –бар
4. Л –Чунон шодам акнун ба

www.sattor.com

Ки меҳтар набошад зи фарзанди хеш,
Зи буму бару пок пайванди хеш.

Ҳама меҳтарон рӯй баргоштанд,
Маро дар ҷаҳон хор бугзоштанд.

Ту танҳо ба ҷои падар будиям,
Ҳамон аз падар бештар будиям.

Ҳамон ҳамчунон дорам акнун, ки шоҳ
Падар бинад озодаву некхоҳ.[1]

Дигар ҳар чӣ гуфтӣ зи покиза дин,
Зи якшанбадӣ рӯзаву офарин-

Ҳама хонд бар мо якояк дабир
Суханҳои шоиставу дилпазир.

Ба мо-бар зи дини куҳан нанг нест,
Ба гетӣ беҳ аз дини Ҳушанг нест.

Ҳама доду некиву шарм асту меҳр,
Нигаҳ кардан андар шумори сипеҳр.

Ба ҳастии Яздон ниюшотарам,
Ҳамеша сӯи дод кӯшотарам.

Надонемаш анбозу пайванду чуфт,
Нагардад ниҳону нахоҳад нуҳуфт.

Дар андешаи дил нагунҷад Худой[2],
Ба ҳастӣ ҳаме[3] бошадат раҳнамой.[4]

Дигар к-ат зи дори Масеҳо сухан
Ба ёд омад аз рӯзгори куҳан.

---

1. ТПЛМ – Агар ҳар чӣ гуфтӣ зи Ширӯи ман,
Аз он поктан пушту нерӯи ман.
Бидонистаму офарин хондам,
Бар он дин туро покдин хондам.
2. Л –нагардад чудо,
3. Л–ҳам ӯ
4. Л –раҳнамо.

www.sattor.com

Ҳар он дин, ки бошад ба хубӣ ба пой,
Бар он дин бошад хирад раҳнамой.[1]

Касеро, ки бошад[2] ҳаме сӯгвор,
Ки карданд пайғамбарашро ба дор,

Ки гӯяд, ки фарзанди Яздон буд ӯй,
Бар он дор баргашта[3] хандон шуд ӯй.

Чу фарзанд буд, рафт сӯи падар,
Ту андӯҳи он чӯби пуда[4] мах(в)ар.

3385 Зи қайсар чу беҳуда ояд сухан,
Бихандад бар он кор марди куҳан.

Ҳамон дори Исо наярзад ба ранҷ,
Ки шоҳон ниҳоданд онро ба ганҷ.

Аз Эрон чу чӯбе фиристам ба Рум,
Бихандад бари мо ҳама марзу бум.

Ба мӯбад намояд, ки тарсо шудам,
Ки аз баҳри Марям сакубо шудам.

Дигар орзу ҳар чӣ ояд, бихоҳ,
Шуморо сӯи мо кушода-ст роҳ.

3390 Писандидам он ҳадяҳои ту низ,
Куҷо ранҷ бурдӣ зи ҳар гуна чиз.

Ба Ширӯй бахшидам ин бурдаранҷ,
Пай афкандам ӯро яке тоза ганҷ.

Зи Руму зи Эрон пурандешаам,
Шаби тира андеша шуд пешаам.

Битарсам, ки Ширӯй гардад баланд,
Расонад ба Руму ба Эрон газанд.

1. И –б. 3379 нест.
2. ИЛ – хонӣ
3. Л – кушта
4. Л – дуда

www.sattor.com

Нахуст андаромад зи Салми бузург,
Зи Искандари кинавар, пиргург.

Зи кини навоину кини куҳан
Магар дар ҷаҳон тоза гардад сухан.

Суханҳо, ки бишнидӣ аз духтарат,
Чунон дон, ки ӯ тоза кард афсарат.

Ба дини Масеҳо бикӯшад ҳаме,
Суханҳои мо кам ниюшад ҳаме.

Ба ором шод асту пирӯзбахт,
Бад-ин хусравоин навоин дарахт.

Ҳамеша ҷаҳондор ёри ту бод,
Сари ахтар андар канори ту бод!

Ниҳоданд бар нома-бар мӯҳри шоҳ,
Ҳаме дошт Харроди Барзин нигоҳ.

Кушоданд аз ин пас дари ганҷ боз,
Куҷо гирд кард ӯ ба рӯзи дароз.

Нахустин саду шаст бандовасӣ,
Ки пайдовасӣ хонадаш порсӣ.

Ба гавҳар биёганд ҳар як чу санг,
Ниҳоданд бар ҳар яке мӯҳр танг.

Мар он ҳар якеро баҳо сад ҳазор
Дирам буд бар дафтари шаҳрёр.

Зи дебои чинӣ саду ду[1] ҳазор-
Аз ӯ чанд зарбафти гавҳарнигор.

Дигар понсад[2] дурри хушшоб буд,
Ки ҳар донае[3] қатраи об буд.

1. ИЛ – чил
2. Л –чорсад
3. Л –дона чун

www.sattor.com

Саду шаст ёқути чун нордон,
Писандидаи мардуми кордон

Зи ҳиндиву чиниву аз барбарӣ,
Зи мисриву аз ҷомаи шустарӣ,

Зи чизе ки хезад зи ҳар кишваре
Ки чун ӯ набуд дар ҷаҳон дигаре,

Фиристод сесад шутурвор бор
Аз Эрон бари қайсари номдор.

Яке хилъат афканд бар Хонагӣ,
Фузунтар зи хешиву бегонагӣ.

Ҳамон аспу ҷома ва тахту[1] ситом
Зи пӯшиданиҳо, ки бурданд ном.

Чунин ҳам шутурворҳо бор кард,
Аз он як шутурвор динор кард.

Бубахшид бар файласуфон дирам
Зи динору ҳар гунае бешу кам.[2]

Ҳама меҳтарон хонданд офарин,
Бар он пурҳунар шаҳрёри замин.

Кунун достони куҳан нав кунам,
Суханҳои Ширину Хусрав кунам.

1. Л – ҷомаи тахту аспу
2. ТПЗЛ – Бирафтанд шодон аз ин марзу бум
Ба наздики қайсар зи Эрон ба* Рум.
* л – Бубахшид бар файласуфони

www.sattor.com

ДОСТОНИ ХУСРАВИ ПАРВИЗ ВА ШИРИН

Оғози достон

Куҳан гашта ин номаи бостон
Зи гуфтору кирдори он ростон.

Ҳаме номаи нав кунам з-ин нишон,
Куҷо ёдгор аст аз он саркашон.

Бувад бист шаш бор бевар ҳазор
Суханҳои шоиставу ғамгусор.

Набинад касе номаи порсӣ,
Навишта ба абёт сад бор сӣ.

Агар бозҷӯӣ аз ӯ байти бад,
Ҳамоно ки кам бошад аз понсад.

Чунин шаҳрёреву бахшандае,
Ба гетӣ зи шоҳон дурахшандае

Накард андар ин достонҳо нигоҳ,
Зи бадгӯву бахти бад омад гуноҳ.

Ҳасад бурд бадгӯй дар кори ман,
Табаҳ шуд бари шоҳ бозори ман.[1]

Чу солори шоҳ ин суханҳои нағз
Бихонад, бубинад ба покиза мағз.

Зи ганҷаш ман эдар шавам шодмон,
К-аз ӯ дур бодо бади бадгумон!

В-аз он пас кунад ёд бар шаҳрёр,
Магар тухми ранҷи ман ояд ба бор.

Ки ҷовид бод афсару тахти ӯ,
Зи хуршед тобандатар бахти ӯ.

1. Л – б. 3424 нест.

www.sattor.com

Чунин гуфт хонанда деҳқони пир,
Ки дониш бувад мардро дастгир.

Ғаму шодмонӣ бибояд кашид,
Зи ҳар талху шӯре[1] бибояд чашид.

Ҷавонони дорандаву богуҳар
Нагиранд беозмоиш ҳунар.[2]

Чу Парвиз нопок буду ҷавон,
Падар зиндаву пур чун паҳлавон,

Варо бар замин дӯст Ширин будӣ,
Бар ӯ-бар чу равшан ҷаҳонбин будӣ.

Писандаш набудӣ ҷуз ӯ дар ҷаҳон
Зи хубону аз духтарони меҳон.

Бад-он гаҳ, ки шуд бар ҷаҳон шаҳрёр,
Зи Ширин ҷудо буд як рӯзгор.

Ба гирди ҷаҳон-бар беором буд,
Ки кораш ҳама разми Баҳром буд.

Чу Хусрав бипардохт чанде ба меҳр,
Шабу рӯз гирён будӣ хубчеҳр.

РАФТАНИ ХУСРАВ БА ШИКОР ВА ДИДАНИ ШИРИН ВА ФИРИСТОДАНАШ БА МУШКӮИ ХУД

Чунон шуд, ки як рӯз Парвизшоҳ
Ҳаме орзу кард нахчиргоҳ.

Биёрост бар сони шоҳаншаҳон,
Ки буданд аз ӯ пештар дар ҷаҳон.

Чу болой сесад ба зарринситом
Бибурданд бо Хусрави некном.

---

1. Л – Зи ҳар шӯр лахте
2. ТП – Ҳунар з-озмоиш падид оядо,
Ҳама корҳоро калид оядо.

www.sattor.com

Ҳазору саду шаст хусравпараст
Пиёда ҳаме рафт жӯпин ба даст.

Ҳазору чиҳил чӯбу шамшер дошт,
Ки дебо зи барру зиреҳ зер дошт.

Пас-андар давон[1] ҳафтсад боздор
Або вошаву[2] чарғу шоҳини кор.

В-аз он пас бирафтанд сесад савор
Пас аз боздорон ҳама юздор.

Ба занҷир ҳафтод шеру паланг
Ба дебои Чин-андарун баста танг.

Палангону шерони омӯхта
Ба занҷири заррин даҳон дӯхта.

Қалода ба зар ҳафтсад буд саг,
Ки дар дашт оҳу гирифтӣ ба таг.

Пас-андар зи ромишгарон ду ҳазор
Ҳама сохта руд рӯзи шикор.

Ба зер-андарун ҳар яке уштуре,
Ба сар барниҳода зи зар афсаре.

Зи курсиву хиргоҳу пардасарой,
Ҳамон хаймаву охури чорпой.

Шутур буд пеш-андарун понсад,
Ҳама карда он расмро номзад.

Дусад барда то миҷмар афрӯхтанд,
Бар ӯ уду анбар ҳаме сӯхтанд.

Дусад марди барно зи фармонбарон,
Ҳама бо[3] гулу наргису заъфарон.

1. Л – ҳафтсад
2. Л – Чи бо бошаву
3. Л – Баромад

www.sattor.com

Ҳаме[1] пеш бурданд, то бод бӯй
Чу ояд зи ҳар сӯ, расонад бад-ӯй.

Ҳам аз пеши он кас, ки бо бӯи х(в)аш
Ҳаме рафт бо машк сад обкаш.

Ҳама раҳ ҳаме обро барзаданд,
Ту гуфтӣ, гулобе ба анбар заданд,

Ки то н-оварад ногаҳон гард бод,
Нишонад бар он шоҳи фаррухнажод.

Зи шоҳони барно чу сесад савор
Ҳаме ронд бо номвар шаҳрёр.

Ҳама ҷомаҳо зарду сурху бунафш,
Шаҳаншоҳ бо ковиёнӣ дирафш

Ҳаме ронд бо тоҷу бо гӯшвор,
Ба зар бофта ҷомаи шаҳрёр.

Або ёраву тавқу заррин камар,
Ба ҳар мӯҳрае-дар нишонда гуҳар.

Чу бишнид Ширин, ки омад сипоҳ
Ба пеши сипоҳ он ҷаҳондор шоҳ,

Яке зард пероҳани мушкбӯй
Бипӯшиду гулноргун кард рӯй.

Яке аз бараш сурх дебои Рум,
Ҳама пайкараш гавҳару зар-ш бум.

Ба сар барниҳод афсари хусравӣ,
Нигораш ҳама гавҳари паҳлавӣ.

Зи айвони хуррам биёмад ба бом,
Ба рӯзи ҷавонӣ набуд шодком.

Ҳаме буд, то Хусрав он ҷо расид,
Сиришкаш зи мижгон ба рух барчакид.

1. Л – Бибуд

www.sattor.com

Чу рӯи варо дид, бар пой хост,
Ба Парвиз бинмуд болои рост.

Забон кард гӯё ба ширин сухан,
Ҳаме гуфт аз он рӯзгори куҳан.

Ба наргис гули арғувонро бишуст,
Ки бемор буд наргису гул дуруст.

Бад-он обдориву он некувӣ
Забон тез букшод бар паҳлавӣ,

Ки «шоҳо, ҳизабро, сипаҳбадтано[1],
Хуҷаста каё[2], гурди шеравжано!

Куҷо он ҳама меҳру хунин сиришк,
Ки дидори Ширин буд онро пизишк?

Куҷо он ҳама рӯз кардан зи шаб,
Дилу дида гирёну хандон ду лаб?

Куҷо он ҳама банду пайванди мо,
Куҷо он ҳама аҳду савганди мо?»

Ҳаме гуфту аз дида хуноби зард
Ҳаме рехт бар чеҳраи[3] ложвард.[4]

Ба чашм андаровард аз ӯ Хусрав об,
Ба зардӣ рухаш гашт чун офтоб.

Фиристод болои зарринситом,
Зи румӣ чиҳил ходими некном,

Ки ӯро ба мушкуи заррин баранд,
Сӯи хонаи гавҳарогин баранд.

В-аз он ҷойгаҳ шуд ба дашти шикор
Або бодаву руду бо майгусор.

---

1. Л – сипаҳбад шаҳо!
2. Л – гаво,
3. Л – ҷомаи
4. ТПЗМ – Чу овоз дар гӯши Хусрав расид,
Нигаҳ карду рухсори Ширин бидид.

www.sattor.com

Чу аз кӯҳу аз дашт бардошт баҳр,
Ҳаме рафт шодикунон сӯи шаҳр.

Бубастанд озин ба шаҳру ба роҳ,
Ки шоҳ омад аз дашти нахчиргоҳ.

Зи нолидани бӯқу бонги суруд
Ҳаво гашт аз овоз бетору пуд.

Чу он хусравӣ бурзу шохи баланд
Зи шаҳр андаромад ба кохи баланд.

3485 Зи мушкӯй Ширин биёмад бараш,
Бибӯсида пою замину бараш.

Ба мӯбад чунин гуфт шоҳи замон,
Ки «бар мо мабар ҷуз ба некӣ гумон.

Мар ин хубрухро ба Хусрав диҳед,
Ҷаҳонро бад-ин муждаи нав диҳед».

Мар ӯро ба оини пешин бихост,
Ки ин расму оин буд он гоҳ рост.

ПАНД ДОДАНИ БУЗУРГОН ХУСРАВРО

Чу огоҳӣ омад зи Хусрав ба роҳ
Ба назди бузургону назди сипоҳ,

3490 Ки Ширин ба мушкуи Хусрав шудаст,
Куҳанбуда коре чунин[1] нав шудаст!

Ҳама шаҳр аз он кор ғамгин щуданд,
Пурандешаву дарду нафрин шуданд.

Бирафтанд наздики Хусрав се рӯз,
Чаҳорум чу бифрӯхт гетифурӯз-

Фиристод Хусрав, меҳонро бихонд,
Ба гоҳи гаронмоягон барнишонд.

1. Л – Куҳан гашта кори ҷаҳон

www.sattor.com

Бад-эшон чунин гуфт, к-«ин рӯз чанд
Надидам шуморо, шудам мустаманд».[1]

Ҳаме гуфту посух надод эҷ кас,
Зи гуфтан забонҳо бубастанду бас.

Ҳар он кас, к-аз ӯ дошт озору хашм,
Якояк ба мӯбад намуданд чашм.

Чу мӯбад чунон дид, бар пой хост,
Ба Хусрав чунин гуфт, к-«эй роду рост!

Ба рӯзи ҷавонӣ будӣ[2] шаҳрёр,
Басе неку бад дидӣ аз рӯзгор.

Шунидӣ басе неку бад дар ҷаҳон,
Зи кори бузургону кори меҳон.

Кунун тухмаи меҳтар олуда гашт,
Бузургӣ аз он тухма полуда гашт.[3]

Падар поку модар бувад бадҳунар,
Чунон дон, ки покӣ наёбад писар.

Зи каҷӣ наҷӯяд касе ростӣ,
Ки аз ростӣ барканад остӣ.

Дили мо ғамӣ шуд зи деви сутург,
Ки шуд ёр бо шаҳрёри бузург.

1. ИЛ – Пас аз б. 3494 ин б. омада:
Биёзурдам аз бими озоратон,
Пурандеша гаштам зи бозоратон.
2. ИЛ – шудӣ: ЗИ – б. 3499 нест.
3. ТПЗЛ – Чунон дон, ки ҳаргиз гиромӣ писар
Набудаст ёзон ба хуни падар!
Магар модараш тухмаро тира кард,
Писарро ба олудагӣ хира кард.
Чу Заҳҳоки тозӣ кушанда падар,
Ки Ҷамшедро з-ӯ бад омад ба сар.
Сикандар, ки ӯ хуни Доро бирехт,
Чунон оташи кин ба модар бирехт.
Ки Доро бародар падар хондӣ,
Ҳаме Файлақусаш писар хондӣ.

www.sattor.com

Ба Эрон агар зан набудӣ чуз ин,
Ки Хусрав ба ӯ хондӣ офарин.

Чу Ширин набудӣ ба мушкуи ӯй,
Ба ҳар ҷой равшан будӣ рӯи ӯй.

Ниёконат он донишӣ ростон
Накарданд ёд аз чунин достон».

Чу гашт он суханҳои мӯбад дароз,
Шаҳаншоҳ посух надод эч боз.

Чунин гуфт мӯбад, ки «фардо пагоҳ
Биёем яксар бад-ин боргоҳ.

Магар посухи шоҳ ёбем боз,
Ки имрӯзамон шуд суханҳо дароз».

Дигар рӯз шабгир бархостанд,
Ҳама бандагиро биёростанд.

Яке гуфт мӯбад: «Надонист гуфт»,
Дигар гуфт, к-«он бо хирад буд ҷуфт».

Севум гуфт, к-«имрӯз посух диҳад,
Сазад з-ӯ, ки овоз фаррух диҳад».

Ҳама мӯбадон баргирифтанд роҳ,
Хиромон бирафтанд наздики шоҳ.

Бузургон гузиданд ҷои нишаст,
Биёмад яке мард таште ба даст.

Чу хуршеди рахшанда молида ташт,
Якояк бар он меҳтарон баргузашт.

Ба ташт-андарун рехта хуни гарм,
Чу наздик шуд, ташт бинҳод нарм.

Аз он ташт ҳар кас бупечид рӯй,
Ҳама анҷуман гашт пургуфтугӯй.

www.sattor.com

Ҳаме кард Хусрав ба ҳар кас нигоҳ,
Ҳама анҷуман хира аз бими шоҳ.

Ба эрониён гуфт, к-«ин хуни кист,
Ниҳода ба пеши ман аз баҳри чист?».

Бад-ӯ гуфт мӯбад, ки «хуни палид,
К-аз ӯ бадманиш гашт ҳар кас, ки дид».

Чу мӯбад чунин гуфт, бардоштанд,
Ҳама даст бар даст бугзоштанд.

Зи хун ташти пурмоя карданд пок,
Бишустанд заррин[1] ба обу ба хок.

Чу равшан шуду пок ташти палид,
Бикард, он ки шуста будаш пурнабид.

Ба май-бар пароканд мушку гулоб,
Шуд он ташти бежанг[2] чун офтоб.

Ба мӯбад чунин гуфт Хусрав, ки «ташт
Ҳамоно буд ин, ё[3] дигаргуна гашт?»

Ҳаме гуфт мӯбад, к-«анӯша бадӣ
Падидор шуд некувӣ з-ин бадӣ».

Ба фармон зи дӯзах ту кардӣ биҳишт,
Ҳамон хуб пайдо зи кирдори зишт.

Чунин гуфт Хусрав, ки «Ширин ба шаҳр
Чунон буд, ки он беманиш[4] ташти заҳр.

Кунун ташти май[5] шуд ба мушкуи ман,[6]
Бар ин гуна бӯё шуд[7] аз бӯи ман.[8]

1. Л – покаш
2. ИЛ – беранг
3. Л – ба дидан
4. Л – пурманиш
5. Л – ташт нав
6. ИЛ – мо,
7. ИЛ – нав бошад
8. ИЛ – мо.

www.sattor.com

Зи ман гашт бадном Ширин нахуст,
Зи пурмоягон дӯстдорӣ наҷуст».

Ҳама меҳтарон хонданд офарин,
Ки бетоҷу тахтат мабодо замин.

Беҳӣ з-он физояд, ки ту беҳ кунӣ,
Меҳ он шуд ба гетӣ, ки ту меҳ кунӣ,

Ки ҳам шоҳу ҳам мӯбаду ҳам радӣ,
Магар бар замин сояи Эзадӣ?

КУШТАНИ ШИРИН МАРЯМРО ВА БАНД КАРДАНИ ХУСРАВ ШИРӮЙРО

Аз ин пас фузун шуд бузургии шоҳ,
Чу хуршед гашт он,[1] куҷо буд моҳ.

Ҳама рӯз бо духти Қайсар будӣ,
Ҳамон дар шабистон-ш меҳтар будӣ.

Зи Марям ҳаме буд Ширин бадард,
Ҳамеша зи рашкаш ду рухсора зард.

Ба фарҷом Ширин варо заҳр дод,
Шуд он духтари хуби қайсарнажод.

Аз он кор огаҳ набуд ҳеҷ кас,
Ки ӯ дошт он роз танҳову бас.

Чу соле баромад, ки Марям бимурд,
Шабистони заррин ба Ширин супурд.

Чу Ширӯйро сол шуд бар ду ҳашт,
Ба боло зи сисолагон баргузашт.

Биёвард фарзонагонро падар,
Бад-он то шавад номвар бо ҳунар.

Ҳаме дошт мӯбад мар ӯро нигоҳ
Шабу рӯз шодон ба фармони шоҳ.

1. Л – шуд, аз

www.sattor.com

Чунон буд, ки як рӯз мӯбад зи тахт
Биёмад ба наздики он некбахт.

Чу омад ба наздики Ширӯй боз,
Ҳамеша ба бозиш диди ниёз.

Яке дафтаре дид пеш-андараш,
Набишта Калила бар он дафтараш.

Ба дасти чапи он ҷавони сутург
Бурида яке хушк чанголи гург[1].

Суруи сари говмеше ба рост,
Ҳаме ин бар он барзадӣ, чунки хост.

Ғамӣ шуд дили мӯбад аз кори ӯй,
Зи бозиву беҳуда кирдори ӯй.

Ба фолаш бад омад ҳаме чанги гург,
Шахи гову ройи ҷавони сутург.

Зи кори замона ғамӣ гашт сахт,
Аз ин бадманиш кӯдаки шӯрбахт,

Ки ӯ толеи зоданаш дида буд,
Зи дастуру ганҷур пурсида буд.

Сӯи мӯбадонмӯбад омад, бигуфт,
Ки «бозист бо он гаронмоя ҷуфт».

Бишуд зуд мӯбад, бигуфт он ба шоҳ,
Ҳаме дошт Хусрав мар онро[2] нигоҳ.

Зи фарзанд ранги рухаш зард шуд,
Зи кори замона пур аз дард шуд.

Зи гуфтори марди ситорашумар
Дилаш буд пурдарду печон ҷигар.

1. ИЛ – б. 3538 нест.
2. Л – забонро

www.sattor.com

Ҳаме гуфт: «То кирдгори сипеҳр
Чӣ гуна намояд бад-ин кор чеҳр?

Чу аз подшоҳиш бисту се сол
Гузар кард, Ширӯй бифрохт[1] ёл.

Биёзурд аз ӯ шаҳрёри бузург,
Ки кӯдак ҷавон буду гашта сутург.

Пур аз дард шуд ҷони хандони ӯ
В-аз айвони ӯ кард зиндони ӯ.

Або он ки ҳамшира будӣ варо,
Куҷо об аз ӯ тира будӣ варо.

Ҳам онро, ки пайвастаи ӯ буданд,
Гаҳи рой ҷустан бари ӯ шуданд.[2]

Ҳаме баргирифтанд аз эшон шумор,
Кеҳу меҳ фузун омад аз се ҳазор.

Ҳама коххоро як андар дигар
Бурид, он ки буд шоҳро коргар.[3]

Зи пӯшиданиҳову аз хӯрданӣ,
Зи бахшиданӣ, ҳам зи густурданӣ

Ба айвонҳошон биёростанд,
Парастандаву бандагон хостанд.

Ҳамон май фиристоду ромишгарон,
Ҳама кох динор буд бекарон.

Ба ҳангомашон ромишу х(в)ард буд,
Нигаҳбон бар эшон чиҳил мард буд.

1. Л – Ширӯ барандохт
2. ИЛ –3561 нест.
3. Л – чорагар.

www.sattor.com

ДОСТОНИ СОХТАНИ ХУСРАВ ТОҚИ ВИСРО

Кунун достонгӯй дар достон
Аз он якдилу якзабон ростон-

Зи тахте, ки хонӣ варо тоқи Вис,
Ки бинҳод Парвиз дар Испарис,

Сари мояи он зи Заҳҳок буд,
Ки нопорсо буду нопок буд.

Ба гоҳе ки рафт Офаридуни гурд
В-аз он тозиён номи мардӣ бибурд.

Яке мард буд дар Дамовандкӯҳ,
Ки шоҳаш ҷудо доштӣ аз гурӯҳ.

Куҷо Ҷаҳ Барзин будӣ номи ӯ,
Расида ба ҳар кишваре коми ӯ.

Яке номвар шоҳро тахт сохт,
Гуҳар гирд бар гирди ӯ барнишохт,

Ки шоҳ Офаридун бад-ӯ шод шуд,
Чу он тахти пурмоя ободшуд.

Дирам дод мар Ҷаҳнро сӣ ҳазор,
Яке тоҷи[1] заррину ду гӯшвор.

Ҳамаш аҳди Сориву Омул набишт,
Ки буд марзи маншури ӯ чун биҳишт.

Бад-он гаҳ, ки Эрон ба Эраҷ супурд,
К-аз он номдорон[2] ӯ буд хурд.

Ҷаҳондор[3]-шоҳ Офаридун се чиз
Бар он подшоҳӣ барафзуд низ.

1. Л – тахти
2. ИЛ – номдорон-ш
3. Л – Бад-ӯ дод

www.sattor.com

Яке тахту он гурзаи говсор,
Ки монд он сухан дар ҷаҳон ёдгор.

Се дигар куҷо Ҳафтчашма гуҳар,
Ҳаме хондӣ номи ӯ додгар.

Чу Эраҷ бишуд, з-ӯ бимонд он се чиз,
Ҳамон шод буд з-он Манучеҳр низ.

Ҳар он кас, ки ӯ тоҷи шоҳӣ бисуд,
Бар он тахт чизе ҳаме барфузуд.

Чу омад ба Кайхусрави некбахт,
Фаровон бияфзуд болои тахт.

Бар ин ҳамнишон то ба Луҳросп шуд
В-аз ӯ ҳамчунин то ба Гуштосп шуд.

Чу Гуштосп он тахтро дид, гуфт,
Ки «кори бузургон нашояд нуҳуфт».

Ба Ҷомосп гуфт он[1] гаронмоя мард:
«Фузунӣ чӣ дорӣ бад-ин коркард?

Якояк бубин, то чӣ хоҳӣ фузуд,
Пас аз марг моро кӣ хоҳад сутуд?»

Чу Ҷомосп он тахтро бингарид,
Бидид аз дари ганҷи дониш[2] калид.

Бар ӯ бар шумори сипеҳри баланд,
Ҳаме кард пайдо чиву чуну чанд.

Зи кайвон ҳама нақшаҳо то ба моҳ
Бад-он тахт кард ӯ ба фармони шоҳ.

Чунин то ба гоҳи Сикандар расид,
Зи шоҳон ҳар он кас, ки он гоҳ дид,

1. ИЛ – Эй
2. Л – дониш онро

www.sattor.com

Ҳаме барфузудӣ бар он чанд чиз
Зи зарру зи симу зи оҷу зи шиз.

Мар онро Сикандар ҳама пора кард,
Зи бедонишӣ кор якбора кард.

3595 Басе з-он бузургон ниҳон доштанд,
Ҳаме даст бар даст бугзоштанд.

Бад-ин гуна буд, то сари Ардашер,
Куҷо гашта буд номи он Тахти Пир.

Аз он тахт ҷое нишоне биёфт,
Бад-он орзу сӯи дигар шитофт.[1]

Бимурд ӯву он тахт аз ӯ бозмонд,
Аз он пас, ки коми бузургӣ биронд.[2]

Бад-ин гуна буд то ба Парвиз шоҳ,
Расид он гиромӣ сазовори гоҳ.

3600 Зи ҳар кишваре меҳтаронро бихонд,
В-аз он тахт чанде суханҳо биронд.

Аз эшон фаровон шикаста биёфт,
Ба шодӣ сӯи гирд кардан шитофт.

Биёвард пас тахти шоҳ Ардашер
В-аз Эрон ҳар он кас, ки буд тезвир,

---

1. ТПЗ – Бикарду наёмад чунон чун сазид
В-аз ӯ низ ӯ шодмонӣ надид.
2. ТПЗ – Чу бар тахт биншаст Пирӯзшоҳ,
Ҳама меҳтарон шуд варо некхоҳ.
Аз он тахти шоҳӣ сухан ронданд,
Гузашта суханҳо ҳаме хонданд.
Чунин гуфт Парвиз, к-«эй меҳтарон,
Ҳаме орзу хоҳам аз кеҳтарон,
Ки он номвар тахтро нав кунам,
Ҳама дар ҷаҳон ёди Хусрав кунам.
Навишта бибояд ҳаме он сухун,
Ки Ҷомоспи некахтар афканд бун.
Ки онро бино шоҳ Гуштосп кард,
Ба рою ба тадбири Ҷомосп кард».
Навишта биёвард мӯбад фароз,
Аз он шод шуд Хусрави сарфароз.

www.sattor.com

Ба ҳам дар заданд он сазовор тахт
Ба ҳангоми он шоҳи пирӯзбахт.

Варо дургар[1] омад зи Руму зи Чин,
Зи Мукрону Бағдоду Эронзамин.

3605 Ҳазору саду бист устод буд,
Ки кирдори ин тахташон ёд буд.

Або ҳар яке мард шогирд сӣ,
Зи румиву бағдодиву порсӣ-

Нафармуд, то як замон дам заданд,
Ба ду сол то кор барҳам заданд.

Чу бар пой карданд тахти баланд,
Дурахшанда шуд рӯи бахти баланд.

Бараш буд болои сад шоҳраш,
Чу ҳафтод раш барниҳӣ[2] аз бараш.

3610 Саду бист раш боз паҳнош буд,
Ки паҳнош камтар зи болош буд.[3]

Ба сӣ рӯз дар моҳ ҳар бомдод
Яке фарш будӣ ба дигар ниҳод.[4]

Ба рӯяш зи заррин саду чил ҳазор
Зи пирӯза бар зарр карда нигор.

Ҳама нуқраи хом буд меху баш,
Яке з-он ба мисқол буд шасту шаш.

Чу андар бара хур ниҳодӣ чароғ,
Пасаш дашт будиву дар пеш боғ.

1. Л – заргар
2. Л – барниҳем
3. ТПИЛ – Ҳамон шоҳраш ҳар яке панҷ* раш,
Чунон буд, ки бар абр судӣ сараш.**
* Л – се. ** Л –К-аз он сар надидӣ сари кишвараш.
4. ТПЗ – Ҳамон тахти Парвиз даҳ лахт буд,
Ҷаҳон рӯзаш аз фарри он тахт буд.

www.sattor.com

Чу хуршед дар шер гаштӣ дурушт,
Мар он тахтро сӯи ӯ буд пушт.

Чу ҳангомаи тирмоҳ омадӣ,
Гаҳи меваву чашнгоҳ омадӣ.

Сӯи меваву боғ будиш рӯй,
Бад-он то биёбад зи ҳар мева бӯй.

Зимистон, ки будӣ гаҳи боду нам,
Бар он тахт-бар кас набудӣ дижам.

Ҳама тоқҳо буд баста изор
Зи хаззу самур аз дари шаҳрёр.

Ҳамон гӯйи симину заррин ҳазор,
Бар оташ ҳаме тофтӣ ҷомадор.

Ба мисқол аз он ҳар яке понсад,[1]
К-аз оташ шудӣ ранг,[2] ҳамчун бусад.

Яке нима з-ӯ андар оташ будӣ,
Дигар пеши гурдони саркаш будӣ.

Шумори ситора даҳу дую ҳафт,
Ҳамон моҳи тобон, зи бурҷе ки рафт.

Чи з-ӯ истода, чи монда ба пой,
Бидидӣ ба чашми сар ахтаргирой.

Зи шаб низ дидӣ, ки чанде гузашт,
Сипеҳр аз бари хок бар чанд гашт.[3]

Аз он бурҷҳо чанд заррин будӣ,
Чи моя аз он гавҳарогин будӣ.

Шумораш надонист кардан касе,
Агарчанд будиш дониш басе.

1. Л – панҷсад,
2. Л – Зи оташ шуда сурх
3. Л – чанде бигашт.

www.sattor.com

Ҳар он гавҳаре к-аш баҳо хор буд,
Камобеш ҳафтод динор буд.

Басе низ бугзашт бар ҳафтсад,
Ҳаме гир аз ин гуна аз неку бад.

Басе сурх гавҳар будӣ, кас[1] баҳо
Надонист, к-аш монд бемунтаҳо.

Ки равшан шудӣ з-ӯ шаби тирачеҳр,
Чу Ноҳид рахшон будӣ бар сипеҳр.

Се тахт аз бари тахт бар поя буд,
Зи гавҳар саропой пурмоя буд.

Аз ин то бад-он поя будӣ чаҳор,
Ҳама поя заррину гавҳарнигор.

Кеҳинтахтро ном буд Мешсор,
Сари меш будӣ бар ӯ-бар нигор.

Меҳинтахтро хондӣ Ложвард,
Ки ҳаргиз набудӣ бар ӯ боду гард.

Се дигар саросар зи пирӯза буд,
Бар ӯ ҳар кӣ дидиш, дилсӯза буд,.

Ҳар он кас, ки деҳқон буду зердаст,
Варо Мешсар буд ҷои нишаст.

Саворони бебок рӯзи набард
Шудандӣ бар он гунбади Ложвард.

Ба Пирӯза-бар ҷои дастур буд,
Ки аз кадхудоиш ранҷур буд.

Чу бар тахти Пирӯза будӣ нишаст,
Хирадманд будиву меҳтарпараст.[2]

1. Л – гӯгирд буд, к-аш
2. ТПИЛМ – Чу рафтӣ ба дастурии раҳнамой,
Магар ёфтӣ назди* Парвиз ҷой.

* ИЛ–пеши

www.sattor.com

Яке ҷома афканда буд заррбафт,
Бараш буду болош панҷоҳу ҳафт.

Ба гавҳар ҳама решаҳо[1] бофта,
Зи бар шӯшаи зар бар ӯ тофта.

Бар ӯ карда пайдо нишони сипеҳр
Зи Баҳрому Кайвону Ҳурмузду Меҳр.

Зи Ноҳиду Тиру зи гарданда[2] Моҳ
Падидор карда бад-ӯ некшоҳ.[3]

Ҳам аз[4] ҳафт кишвар бар ӯ-бар нишон
Зи деҳқону аз Рум гарданкашон.

Бар ӯ – бар нишони чилу ҳашт шоҳ
Падидор карда сару[5] тоҷу гоҳ.

Ба зар[6] бофта тоҷи[7] шоҳаншаҳон,
Чунон ҷома ҳаргиз набуд дар ҷаҳон.

Ба Чин – дар яке мард буд беҳамол,
Ҳаме бофт он ҷомаро ҳафт сол.

Сари соли нав ҳурмузи Фарвадин
Биёмад бари шоҳи Эронзамин[8].

Бибурд он каӣ фарш наздики шоҳ,
Гаронмоягон баркушоданд[9] роҳ.

Бигустурд рӯзи нав он ҷомаро,
Зи шодӣ чудо кард худкомаро.[10]

1. Л – шӯшаҳо
2. Л – кайвону аз тезпӯянда
3. Л – ба ҳар дастгоҳ.
4. Л – Ҳамон
5. Л – сари
6. Л – Бар ӯ
7. Л – номи
8. ИЛ – ба даргоҳи солори Чин.
9. Л – баргирифтанд
10. Л – бадкомаро.

www.sattor.com

Бар он ҷома-бар маҷлис оростанд,
Навозандаи руду май хостанд.[1]

Ҳаме офарин хонд Саркаш ба руд,
Шаҳаншоҳро дод чанде дуруд.

Бузургон гавҳар барафшонданд,
Ки фарри бузургаш[2] ҳаме хонданд.

ДОСТОНИ БОРБАДИ РОМИШГАР

3655 Ҳаме ҳар замон шоҳ бартар гузашт,
Чу шуд соли шоҳиш бар бисту ҳашт.

Касеро набуд бар дараш кори бад,
Зи даргоҳаш огоҳ шуд Борбад.

Бад-ӯ гуфт ҳар кас, ки «шоҳи ҷаҳон
Гузидаст ромишгарон аз меҳон,

Ки гар бо ту ӯро баробар кунанд,
Туро бар сари Саркаш афсар кунанд».

Чу бишнид мард он, биҷӯшид оз,
Агарчи набудаш ба чизе ниёз.

3660 Зи кишвар бишуд то ба даргоҳи шоҳ,
Ҳаме кард ромишгаронро нигоҳ.

Чу бишнид Саркаш, дилаш тира гашт,
Ба захми суруд-андарун хира гашт.

Биёмад ба наздики солори бор,
Дирам карду динор чанде нисор.

Бад-ӯ гуфт: «Ромишгаре бар дар аст,
Ки аз ман ба солу ҳунар[3] бартар аст.

1. ТПЗ – Яке мутрибе буд, Саркаш ба ном,
Ба ромишгарӣ-дар шуда шодком.
2. ИЛ – фарри бузургаш
3. Л – хирад

www.sattor.com

Набояд, ки дар пеши Хусрав шавад,
Ки мо кӯҳна гаштему ӯ нав шавад».

Зи Саркаш чу бишнид дарбони шоҳ,
Зи ромишгари сода[1] барбаст роҳ.

Чу рафтӣ ба наздики ӯ Борбад,
Ҳамаш кор бад буд, ҳамаш бор бад.[2]

Чу навмед баргашт аз он боргоҳ,
Або барбат омад сӯи боғи шоҳ.

Кучо[3] боғбон буд Мардӯй ном,
Шуд аз диданаш Борбад шодком.

Бад-он боғ рафтӣ ба Наврӯз шоҳ,
Ду ҳафта бибудӣ бад-он ҷашнгоҳ.

Сабук Борбад назди Мардӯй шуд,
Ҳамон рӯз бо мард ҳамбӯй шуд.

Чунин гуфт бо боғбон Борбад,
Ки «гӯё ту ҷониву ман колбад.

Кунун орзу хоҳам аз ту яке,
Ки он ҳаст назди ту сахт[4] андаке:

Чу ояд бад-ин боғ шоҳи ҷаҳон,
Маро роҳ деҳ, то бубинам ниҳон,

Ки то чун бувад шоҳро ҷашнгоҳ,
Бубинам нуҳуфтӣ[5] яке рӯи шоҳ».

Бад-ӯ гуфт Мардӯй: «Эдун кунам,
Зи меҳри ту андеша берун кунам».

---

1. Л – Ба ромишгарон шод: И – Ба фармони ӯ танг
2. ТПЗИЛ – Надодӣ варо бор солори бор,
   На низаш будӣ мардуме хостор.
3. И – Яке
4. Л – наздики ту
5. ИЛ – нухуфта

www.sattor.com

Чу Хусрав ҳаме хост, к-ояд ба боғ,[1]
Дили мизбон шуд чу равшанчароғ.

Бари[2] Борбад шуд, бигуфт он ки «шоҳ
Ҳаме рафт хоҳад бад-ин ҷашнгоҳ».[3]

Ҳама ҷомаҳо Борбад сабз кард,
Ҳам он барбату руди нангу набард.

Бишуд, то ба ҷое ки Хусрав шудӣ,[4]
Баҳорон нишастангаҳаш нав шудӣ.

Яке сарв буд сабзу баргаш гашан,
Бару шох чун размгоҳи Пашан.

Бар он сарв шуд барбат андар канор,
Ниҳонӣ[5] ҳаме буд, то шаҳрёр

Аз айвон баромад бад-он ҷашнгоҳ,
Биёрост полизбон[6] ҷои шоҳ,

Биёмад паричеҳрае майгусор,
Яке ҷом бар каф бари шаҳрёр.[7]

Ҷаҳондор бистад зи кӯдак набид,
Булӯр аз майи сурх буд[8] нопадид.

Бад-он гаҳ, ки хуршед баргашт зард,
Ҳаме буд, то гашт шаб ложвард.

Зананда бад-он сарв бардошт руд,
Ҳам он сохта паҳлавонӣ дуруд.[9]

Яке нағз дастон бизад бар дарахт,
К-аз он хира шуд марди бедорбахт.

1. Л – сӯи
2. И – б. 3677 нест.
3. Л – будӣ
4. Л – будӣ,
5. Л – Замоне
6. Л – полизгар
7. И – б. 1382, 1383 нест.
8. Л – шуд
9. ИЛ – суруд.

www.sattor.com

Суруде ба овози хуш баркашид,
Ки акнун ту хониш Додофарид.

Бимонданд як маҷлис андар шигифт,
Ҳаме ҳар касе ройи дигар гирифт.

Аз он захма Саркаш чу беҳуш гашт,
Бидонист, к-он кист, хомӯш гашт,

Ки чун Борбад кас чунон захми руд
Надонад, на он паҳлавонӣ суруд.[1]

Бад-он номдорон бифармуд шоҳ,
Ки «ҷӯед сартосар ин ҷашнгоҳ».

Фаровон биҷустанду боз омаданд,
Ба наздики Хусрав фароз омаданд.

Ҷаҳондида Саркаш сухан баргирифт,
Ки аз бахти шоҳ ин набошад шигифт,

Ки гардад гулу сарв ромишгараш,
Ки ҷовид бодо сару афсараш!

Биёвард ҷоме дигар майгусор,
Чу аз хубрух бистад ин шаҳриёр.

Зананда дигаргун биёрост руд,
Баровард ногоҳ дигар суруд.

Ки Пайкоргурдаш ҳаме хонданд,
Ҳаме[2] ном аз овози ӯ ронданд.

Чунин ромишӣ гуфту Хусрав шунид,
Ба овози ӯ ҷоми май даркашид.

Бифармуд, к-инро ба ҷой оваред,
Ҳама боғ яксар ба пой оваред.

1. И – б. 3691 нест.
2. Л – Чунин

www.sattor.com

Биҷустанд бисёр ҳар сӯи[1] боғ,
Бибурданд зери дарахтон чароғ.

Надиданд чизе ҷуз аз беду сарв,
Хиромон ба зери гул-андар тазарв.

Шаҳаншо пас ҷоми дигар бихост,
Бар овози он сар баровард рост.

Баромад дигарбора овози руд,
Дигаргунатар сохт бонги суруд.

Ҳамон Сабздарсабз хонӣ кунун,
Бар ин гуна созанд макру[2] фусун.

Чу бишнид Парвиз, бар пой хост,
Яке ҷоми май гулшанорой хост,

Ки буд андар ин ҷом як ман набид,
Ба як дам майи равшан андаркашид.

Чунин гуфт, к-«ин гар фаришта будӣ,
Зи мушку зи анбар сиришта будӣ.

В-агар дев будӣ, нагуфтӣ суруд,
Ҳамон низ нашнохтӣ захми руд.

Биҷӯед дар боғ, то ин куҷост,
Ҳама боғу гулшан чапу дасти рост.

Даҳону бараш пур зи гавҳар кунам,
Бар ин рудсозон-ш меҳтар кунам».

Чу бишнид ромишгар овози ӯй,
Ҳамон хуб гуфтори дамсози ӯй,

Фуруд омад аз шохи сарви саҳӣ,
Ҳаме рафт бо ромишу фарраҳӣ.

1. Л – сӯ ба
2. Л – мардон

www.sattor.com

Биёмад, бимолид бар хок рӯй,
Бад-ӯ гуфт Хусрав: «Чӣ мардӣ, бигӯй».

Чунин гуфт: «Шоҳо, яке бандаам,
Ба овози ту дар ҷаҳон зиндаам».

Саросар бигуфт, он чи рафт аз буна,
Ки буд андар он якдилу яктана.

Ба дидори ӯ шод шуд шаҳрёр
Ба сони гулистон ба моҳи[1] баҳор.

Ба Саркаш чунин гуфт, к-«эй бадҳунар![2]
Ту чун ҳанзалӣ, Борбад чун шакар!

Чаро дур кардӣ ту ӯро зи ман?
Дареғ омадат руд аз ин[3] анҷуман?!

Бар овози ӯ шод май баркашид,
Ҳамон ҷоми ёқут бар сар кашид.

Бад-ин гуна то сар сӯи хоб кард,
Даҳонаш пур аз дурри хушшоб кард.

Бишуд Борбад шоҳи ромишгарон,
Яке номдоре шуд аз меҳтарон.

Сар омад кунун қиссаи[4] Борбад,
Мабодо, ки бошад туро кор[5] бад.[6]

Басе меҳтару кеҳтар аз ман гузашт,
Нахоҳам ман аз хоб бедор гашт.

Ҳар он гаҳ, ки шуд сол бар шасту шаш,
На некӯ бувад мардуми пир каш.

---

1. И – гоҳи: И – вақти
2. Л – бадгуҳар: И – пурҳунар,
3. ИЛ – руди ӯ з-анҷуман?!
4. Л– гуфтани: И – рӯз бар
5. ИЛ – ёр
6. ТПЗИЛМ – Ҷаҳон бар меҳону кеҳон бугзарад,
Хирадманд мардум чаро ғам хӯрад.

www.sattor.com

Чу ин номвар нома ояд ба бун,
Зи ман рӯи кишвар шавад пурсухун.

Аз он пас намирам, ки ман зиндаам,
Ки тухми сухан ман парокандаам.

Ҳар он кас, ки дорад ҳушу рою дин,
Пас аз марг бар ман кунад офарин.

Кунун аз Мадоин сухан нав кунам,[1]
Суханҳо зи айвони Хусрав кунам.[2*3]

СОХТАНИ ХУСРАВ АЙВОНИ МАДОИНРО

Чунин гуфт равшандиле порсӣ,
Ки бугзошт бо коми дил чор сӣ,

Ки Хусрав фиристод касҳо ба Рум,
Ба Ҳинду ба Чину ба ободбум.

Бирафтанд коригарон се ҳазор,
Зи ҳар кишваре ҳар кӣ буд номдор.

В-аз эшон ҳар он кас, ки устод буд,
Зи хишту зи гаҷ дар дилаш ёд буд.

Чу сад мард берун шуданд аз миён,
Зи Аҳвозу Эрону аз румиён.

В-аз эшон диловар гузиданд сӣ,
Аз он сӣ ду румӣ, дигар[4] порсӣ.

Гаронмоя румӣ, ки буд ҳандасӣ,
Ба гуфтор бугзашт аз порсӣ.[5]

Бари Хусрав омад ҷаҳондида мард,
Бар ӯ кору захми бино ёд кард.

---

1. ИЛ – кунем,
2. ИЛ – кунем.
3. Л – Ки рӯзи кеҳону меҳон?
4. ИЛ –яке
5. ТПЗ – В-аз он се гузиданд румӣ яке,
Ки чун ӯ набуд дар ҷаҳон андаке.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Ин зи ман дарпазир,
Сухан ҳар чӣ гӯям, зи ман ёд гир.

Яке ҷой хоҳам, ки фарзанди ман
Ҳамон то дусад сол пайванди ман

Нишинад бад-ӯ-дар нагардад хароб,
Зи борону аз барқу[1] аз офтоб.

Муҳандис бипазруфт айвони шоҳ,
Бад-ӯ гуфт: «Ман дорам ин дастгоҳ».[2]

Фурӯ бурд бунёд даҳ шоҳраш,
Ҳамон шоҳраш панҷ карда бараш.

Зи сангу зи гаҷ буд бунёди кор,
Чунин хоҳад он, к-ӯ диҳад доди кор.

Чу девори айвонаш омад ба ҷой,
Биёмад ба пеши ҷаҳонкадхудой,

Ки гар шоҳ донад яке кордон,
Гузашта бар ӯ солу бисёрдон.

Фиристад тане чанд бар ҷойгоҳ,
Писандида бо мӯбади некхоҳ.

Бад-ӯ дод аз он гуна мардум, ки хост,
Бирафтанду диданд девор рост.

Бирешим биёвард, то анҷуман
Битобанд бориктобе расан.

Зи болои девори айвони шоҳ
Бипаймуд то хоки девони гоҳ.[3]

Чу болои он тобдода расан
Бипаймуд дар пеши он анҷуман.

1. Л – барфу
2. ТПМ – Аз он гуна мебояд андоза кард,
Ки касро набояд мар он тоза кард.
3. И – б. 3742–3749 нест.

www.sattor.com

Расан сӯи ганҷи шаҳаншоҳ бурд,
Або мӯҳр ганҷури ӯро супурд.

В-аз он пас биёмад ба айвони шоҳ,
Ки девони айвон баромад ба моҳ.

Чиҳил рӯз то кор биншинадам,
Зи коригарон шоҳ бугзинадам.

Чу фармон диҳад Хусрави зудёб,
Нагирам бад-ин кор кардан шитоб.

Чу ҳангомаи захми девон бувад,
Баландии айвон чу[1] Кайвон бувад.

Бад-он кор хашмат набояд намуд,
Маро низ ранҷе набояд фузуд.

Бад-ӯ гуфт Хусрав, ки «чандин замон
Чаро хоҳӣ аз ман ту, эй бадгумон?

Набояд, ки дорӣ ту з-ин даст боз,
Ба озарм нӯзат наёмад ниёз».

Бифармуд, то сӣ ҳазораш дирам
Бидоданд, то ӯ набошад дижам.

Бидонист коригари ростгӯй,
Ки айб оварад марди доно ба рӯй,

Ки гирад бад-он захми айвон шитоб,
Агар бишканад, кам кунад нону об.

Шаб омад, шуд он коргар нопадид,
Чунон шуд, к-аз он пас кас ӯро надид.

Чу бишнид Хусрав, ки Фаръон гурехт,
Ба гӯянда-бар хашми Фаръон бирехт.

Чунин гуфт, к-«онро, ки даниш набуд,
Чаро пеши мо-дар фузунӣ намуд?»

---

1. Л – ба

www.sattor.com

Бифармуд, то кори ӯ бингаранд,
Ҳама румиёнро ба зиндон баранд.

Дигар гуфт: «Коригарон оваред,[1]
Гачу хишту санги гарон оваред.[2]

Бичустанд ҳар кас, ки девор дид,
Зи буму бари шоҳ шуд нопадид.

Ба бечорагӣ даст аз он боздошт,
Ҳама гӯшу дил сӯи Аҳвоз[3] дошт,

К-аз он шаҳр коригар ояд касе,
Намонад чунон кор бесар басе.

Ҳаме чуст устод он то се сол,
Надиданд коригаре беҳамол.[4]

Басе ёд карданд аз он корчӯй,
Ба соли чаҳорум падид омад ӯй.

Яке марди бедор бо фарраҳӣ
Ба Хусрав расонид аз ӯ огаҳӣ.

Ҳамон гоҳ румӣ биёмад чу гард,
Бад-ӯ шоҳ гуфт: «Эй гунаҳкор мард!

Бигӯ, то чӣ буд андар ин пӯзишат,
Чӣ гуфтӣ, ки пеш ояд[5] омӯзишат?»

Чунин гуфт румӣ, ки «гар шаҳрёр
Фиристад маро бо яке устувор,

Бигӯям бад-он кордон пӯзишам,
Ба пӯзиш ба ҷой орам омӯзишам».

Фиристоду рафтанд аз айвони шоҳ,
Гаронмоя устод бо некхоҳ.

1. ИЛ – оваранд
2. ИЛ – оваранд.
3. Л – овоз
4. Л – коригаронро ҳамол.
5. Л – Ба гуфтори бад омад

www.sattor.com

Ҳаме бурд донои румӣ расан,
Ҳам он мардро тез бо хештан.

Бипаймуд болои кору[1] бараш,
Кам овард кор аз расан ҳафт[2] раш.

Расан боз бурданд наздики шоҳ,
Бигуфт он ки бо ӯ биёмад ба роҳ,

Чунин гуфт румӣ, ки «гар захми кор
Баровардаме бар сар, эй шаҳрёр!

На девор мондӣ, на тоқу на кор.
На ман мондаме бар дари шаҳрёр».

Бидонист Хусрав, ки ӯ рост гуфт,
Касе ростиро наёрад нуҳуфт.

Раҳо кард ҳар к-ӯ ба зиндон буданд,
Бадандеш, агар бегазандон буданд.

Мар ӯро яке бадра динор дод,
Ба зиндониён чизи бисёр дод.

Дар он кор шуд рӯзгоре дароз,
Ба кирдори он шоҳро буд ниёз.

Чу шуд ҳафт сол, омад айвон ба ҷой,
Писандидаи мардуми покрой.[3]

Мар ӯро басе об доду замин,
Дирам доду динору кард офарин.

Ҳаме кард ҳар кас ба айвон нигоҳ,
Ба Наврӯз рафтӣ бад-он ҷой шоҳ.

Кас андар ҷаҳон захм чун он надид,
На аз номвар кордорон шунид.

1. Л – кор аз
2. Л – ҳашт
3. Л –Хусрави раҳнамой: И – некрой.

www.sattor.com

Яке ҳалқае буд зи зар рехта,
Аз он кори чарх[1] андаровехта.

Фурӯ ҳишта з-ӯ сурх занҷири зар,
Ба ҳар мӯҳрае дарнишонда гуҳар.

Чу рафтӣ шаҳаншоҳ бар тахти оҷ,
Биёвехтандӣ зи занҷир тоҷ.

Ба Наврӯз чун барнишастӣ ба тахт,
Ба наздики ӯ мӯбаде некбахт.

Фурӯтар зи мӯбад меҳонро будӣ,
Бузургону рӯзидиҳонро будӣ.

Ба зери меҳон ҷои бозориён
Биёростандӣ ҳама кориён.

Фурӯмоятар ҷои дарвеш буд,
Куҷо хӯрдаш аз кӯшиши хеш буд.

Фурӯтар бурида басе дасту пой,
Басе кушта афканда бар дар сарой.

Зи айвон аз он пас хурӯш омадӣ,
К-аз овозҳо дил ба ҷӯш омадӣ,

Ки эй зердастони шоҳи ҷаҳон,
Мабошед тирадилу бадниҳон.

Ҳар он кас, ки ӯ сӯи боло нигоҳ
Кунад, гардад андешаи ӯ табоҳ.

Зи тахти каён дуртар бингаред,
Ҳар он кас, ки кеҳтар бувад, бишмаред.[2]

В-аз он пас гунаҳкору гар бегуноҳ
Намондӣ касе низ дар банди шоҳ.

1. И – чархкор
2. ТП – В-аз он пас тани куштагонро ба роҳ,
К-аз он бугзарӣ, кард бояд нигоҳ.

www.sattor.com

Ба зиндониён ҷомаҳо дод низ,
Саропою динору ҳар гуна чиз.

Ҳар он кас, ки дарвеш будӣ ба шаҳр,
Ки ӯро набудӣ зи Наврӯз баҳр-

Ба даргоҳи айвон-ш биншондӣ,
Дирамҳои ганҷӣ барафшондӣ.

Пур аз бим будӣ гунаҳгор аз ӯ,
Шуда мардуми хуфта бедор аз ӯ.

Мунодигаре дигар андар сарой
Бирафтӣ гаҳи бозгаштан ба ҷой,

Ки эй номвар пурҳунар саркашон,
Зи бешӣ чӣ ҷӯед чандин нишон.

Бубинед, то аз шумо зер кист,
Ки бар ҷони бадбахт бояд гирист.

Ба кор андар андеша бояд нахуст
Бад-он то шавед эмину тандуруст.

Сиголед ҳар кору аз пас кунед,
Дили мардуми камхирад машканед.

Бияндохт бояд пас он гаҳ бурид,
Суханҳои донанда бояд шунид.

Ҳар он кас, ки ӯ роҳ дорад нигоҳ,
Бихуспад бари гоҳ эмин зи шоҳ.

Дигар ҳар кӣ ёзад ба чизи касон,
Бувад хашми мо сӯи он кас расон.[1]

Кунун аз бузургии Хусрав сухан
Бигӯям, кунам тоза рӯзи куҳан.

Бар он сон бузургӣ кас андар ҷаҳон
Надорад ба ёд аз кеҳону меҳон.

1. И – б. 3810–3315 нест.

www.sattor.com

ГУФТОР АНДАР БУЗУРГИИ ХУСРАВИ ПАРВИЗ

Ҳар он кас, ки ӯ дафтари шоҳ хонд,
Зи гетиш доман бибояд фишонд.

Сазад, гар бигӯям яке достон,
Ки бошад хирадманд ҳамдостон.

Мабодо, ки густох бошӣ ба даҳр,
Ки аз пойзаҳраш фузун аст заҳр.[1]

Сарои сипанҷ аст бар роҳрав,
Ту гардӣ куҳан, дигар оянд нав.

Яке андар ояд, дигар бугзарад,
Замоне ба манзил чамад, гар чарад.

Чу бархезад овози табли раҳил,
Ба хок андарояд сари мӯру[2] пил.

Зи Парвиз чун достоне шигифт,
Зи ман бишнавӣ, ёд бояд гирифт,

Ки чунон сазовориву дастгоҳ,
Бузургиву аврангу[3] фарру сипоҳ,

К-аз он бештар нашнавӣ дар ҷаҳон,
Агарчанд пурсӣ зи дономеҳон.

Зи Тӯрону аз Чину аз Ҳинду Рум,
Зи ҳар кишваре, к-он буд ободбум.

Ҳаме бож бурданд наздики шоҳ,
Ба рахшандарӯзу шабони сиёҳ.

Ғулому парастанда аз ҳар даре,
Зи дурру зи ёқуту ҳар гавҳаре.

1. ТПЛ – Масов эч бо озу бо кина даст,
Ба манзил макун ҷойгоҳи нишаст.
2. Л – орад сари шеру
3. Л – авранду

www.sattor.com

Зи динору ганҷаш карона набуд,
Чун ӯ хусрав андар замона набуд.

Зи шоҳину аз бозу паррон уқоб,
Зи шеру палангу наҳанг андар об-

Ҳама баргузиданд паймони[1] ӯй,
Чу хуршед равшан шудӣ ҷони ӯй.

Нахустин, ки бинҳод ганҷи Арӯс,
Зи Чину зи Бартосу аз Ҳинду[2] Рус.

Дигар ганҷ Бодовараш хонданд,
Шумораш бикардандӯ дармонданд.

Дигар он ки номаш ҳаме бишнавӣ,
Ту хонӣ варо Дебаи хусравӣ.

Дигар номвар ганҷи Афросиёб,
Ки касро набуд он ба хушкиву об.

Дигар ганҷ, к-аш хондӣ Сӯхта,
К-аз он ганҷ буд кишвар афрӯхта.

Дигар ганҷ, к-аз дурри[3] хушшоб буд,
Ки болош як тирпартоб буд,

Ки Хазро ниҳоданд номаш радон,
Ҳамон номвар кордон,[4] бихрадон.[5]

Дигар он ки буд Шодварди бузург,
Ки гӯянд ромишгарони сутург.[6]

Зи ромишгарон Саркашу Борбад,
Ки ҳаргиз нагаштиш бозор бад.

1. Л – фармони
2. ИЛ – Руму
3. Л – пурдурри
4. Л – тозиён, номвар
5. ТПЗ – Дигар ганҷ к-аш Бор будиш ном,
Чунон кас надидаст аз хосу ом.
6. ТПИЛ – Ба зар сурхгавҳар бад-ӯ бофта,
Ба зар-андарун риштаҳо тофта.

www.sattor.com

Ба мушкуи заррин даҳу ду ҳазор,
Канизон[1] ба кирдори хуррам баҳор.

Дигар пил буд ду ҳазору дувист,
Ки гуфтӣ аз он дар замин ҷой нест.

Дигар аспи ҷангӣ даҳу ду ҳазор,
Дусад борагӣ, к-ӯ набуд дар шумор.[2]

Даҳу ду ҳазор уштури боркаш,
Иморикашон шашсаду[3] шасту шаш,

Ки ҳаргиз кас андар ҷаҳон он надид,
На аз пирсар кордонон шунид.[4]

Чун ӯе[5] ба дасти яке пешкор
Табаҳ шуд, ту тимори гетӣ[6] мадор.

Ту беранҷӣ аз корҳо баргузин,
Чу хоҳӣ, ки ёбӣ ба дод офарин,

Ки неку бад андар ҷаҳон бугзарад,
Замона дами мо ҳаме бишмарад.

Агар тахт ёбӣ, агар тоҷу ганҷ
В-агар чанд пӯянда бошӣ ба ранҷ,

Саранҷом ҷои ту хок асту хишт,
Ба ҷуз[7] тухми некӣ набояд-т кишт.[8]

---

1. ИЛ – Канизак
2. ТПЗ – Дигар даҳ ҳазор уштури сурхмӯй,
   Ки касро набуд он замон як чун ӯй.
3. Л – Иморикашу гомзан
4. ТПЗ – Саворони ҷангӣ ҳазорон ҳазор
   Зи туркону румиву чинисавор.
   Дигар аспи шабдиз, к-аз тохтан
   Намондӣ ба ҳангоми кин охтан.
   Чу Ширин буд андар шабистони ӯй,
   Ки равшан будӣ з-ӯ гулистони ӯй.
5. Л – Чунин кас
6. Л – бошӣ
7. Л – Ҷуз аз
8. ТПЗИ – Зи Парвизат андоза бояд гирифт,
   Чу дафтар бихонӣ, бимонӣ шигифт.

www.sattor.com

ДАР БЕДОДӢ КАРДАНИ ХУСРАВ ВА НОСИПОСИИ СИПОҲИ Ӯ

Бад-он номвар тахту ҷои[1] меҳӣ,
Бузургиву дайҳими шоҳаншаҳӣ-

Ҷаҳондор ҳамдостонӣ накард,
Зи Эрону Тӯрон баровард гард.

Чунон додгар шоҳ бедод гашт,
Зи[2] бедодии кеҳтарон шод гашт.

Биёмад фарухзоди Озармакон,
Дижамруй бо зердастон жакон.[3]*[4]

Биёрост бар хештан ранҷи нав,
Накард орзу ҷуз ҳама ганҷи нав.

Зи ҳар кас ҳаме хоста бистадӣ,
Ҳаме он бар ин, ин бар он барзадӣ.

Ба нафрин шуд он офаринҳои пеш,
Ки чун гурги бедодгар гашт меш.

Чу бенону беобу бетан шуданд,
Аз Эрон сӯи шаҳри душман шуданд.

Ҳар он кас, ки аз баттарӣ ёфт баҳр,
Ҳаме дуду нафрин баромад зи шаҳр.

Яке беҳунар буд номаш Гуроз,
К-аз ӯ ёфтӣ кому орому ноз,

Ки будӣ ҳамеша нигаҳбони Рум,
Яке девсар буд бедоду шум.

Чу шуд шоҳи бодод бедодгар,
Аз Эрон нахуст ӯ бупечид сар.

---

1. Л – тоҷи
2. ИЛ – Ба.
3. Л –радон.
4. М – жакон.

www.sattor.com

Дигар Зодфаррух, ки номӣ будӣ,
Ба наздики Хусрав гиромӣ будӣ.

Наёраст кас рафт наздики шоҳ,
Магар Зодфаррух будӣ борхоҳ.

Шаҳаншоҳро чун пур омад қафиз,
Дили Зодфаррух табаҳ гашт низ.

Яке гашт бо солхӯрда Гуроз,
Зи кишвар ба кишвар бипайваст роз.

Гурози сипаҳбад яке нома кард,
Ба қайсар варо низ бадкома кард.

Бад-ӯ гуфт: «Бархезу Эрон бигир,
Нахустин ман оям туро дастгир».

Чу он нома бархонд қайсар, сипоҳ
Фароз оварид аз пайи размгоҳ.

Биёвард лашкар ҳамон гаҳ зи Рум,
Биёмад сӯи марзи ободбум.[1]

БАРГАШТАНИ ЛАШКАРИ ЭРОН АЗ ХУСРАВ ВА РАҲО КАРДАНИ ШИРӮЯ АЗ БАНД

Чу огоҳ шуд з-он сухан шаҳрёр,
Ҳаме дошт ин кори душвор хор.

Бидонист, к-он ҳаст кори Гуроз,
Ки гуфтаст бо қайсари размсоз.

Бад-он к-аш ҳаме ханду[2] ӯ чора чуст,
Ҳаме дошт он номаи шоҳ суст.

Зи Парвиз тарсон бад-он буд нишон,
Зи даргоҳи ӯ ҳам зи гарданкашон.

1. ИЛ – б. 3871 нест.
2. И – Бад-он кас басе хонду

www.sattor.com

Шаҳаншоҳ биншаст бо меҳтарон,
Ҳар он кас, ки буданд аз Эрон сарон.

Аз андешаи пок дилро бишуст,
Фаровон зи ҳар гунае чора ҷуст.

Чу андешаи равшан омад фароз,
Яке нома бинвишт сӯи Гуроз,

Ки аз ту писандидам ин коркард,
Сутудам туро сӯи[1] мардони мард.

3880 Зи кирдорҳо барфузудӣ фиреб,
Сари қайсар овардӣ андар нишеб.

Чу ин нома оранд наздики ту,
Пурандеша кун ройи борики ту.

Ҳаме бош, то ман биҷунбам зи ҷой,
Ту бо лашкари хеш бугзор пой.

Чу з-ин рӯю з-он рӯй бошад сипоҳ,
Шавад дар миён ройи қайсар табоҳ.

Ба Эрон варо дастгир оварем,
Ҳама румиёнро асир оварем.

3885 Зи даргаҳ яке чорагар баргузид,
Сухангӯю доно чунон чун сазид.

Бад-ӯ гуфт, к-«ин нома андар ниҳон
Ҳаме бар ба кирдори корогаҳон.

Чунон рав, ки бинад-т румӣ касе,
Ба раҳ-бар сухан пурсад аз ту басе.

Бигирад туро, назди қайсар барад
В-агар назди солори лашкар барад.

Бипурсад туро, аз куҷоӣ, бигӯй,
Бигӯяш, ки ман кеҳтаре чораҷӯй.

1. ИЛ – пеши

www.sattor.com

Бипаймудам ин ранҷи роҳи дароз,
Яке нома дорам ба сӯи Гуроз.

Ту ин нома барбанд[1] бар дасти рост,
Гар эдун, ки бистонад аз ту, равост.

Бурун омад аз пеши Хусрав наванд,
Ба бозу-бар он номаро карда банд.

Биёмад, чу наздики қайсар расид,
Яке марди битрик ӯро бидид.

Сӯи қайсараш бурд сар пур зи гард,
Ду рух зарду лабҳо пур аз[2] ложвард.

Бад-ӯ гуфт қайсар, ки «Хусрав куҷост?
Бибояд-т гуфтан ба ман роҳи рост».

Аз ӯ хира шуд кеҳтари чораҷӯй,
Зи бимаш ба посух дижам кард рӯй.

«Биҷӯед,– гуфт,– ин балоҷӯйро,
Бадандеш, бадкоми бадгӯйро».[3]

Биҷустанду он нома аз дасти ӯй
Кушод, он ки доно буду роҳҷӯй.

В-аз он гоҳ доносареро биҷуст,
Ки он паҳлавонӣ бихонад дуруст.

Чу он нома бархонд марди дабир,
Рухи номвар шуд ба кирдори қир.

Ба дил гуфт, к-ин аст кини Гуроз,
Далер омадастам ба дониш фароз.

Шаҳаншоҳ бо мард сесад ҳазор,
Кас аз пили ҷангаш надонад шумор.[4]

1. Л – номаро дор
2. ИЛ – шуда
3. Л – б. 3897 нест.
4. Л –Ҳамон гоҳ аз он ҷой барбаст бор.

www.sattor.com

Маро хост афканд дар доми ӯй,
Ки торик бодо саранҷоми ӯй!

В-аз он ҷойгаҳ лашкар андаркашид,
Шуд он орзу аз дилаш нопадид.

Чу огоҳӣ омад ба сӯи Гуроз,
Ки он номвар шуд сӯи Рум боз--

Дилаш гашт пурдарду рухсора зард,
Саворе гузид аз далерони мард.

Яке нома бинвишт бо боду дам,
Ки «бар ман чаро гашт қайсар дижам?

Аз Эрон чаро бозгаштӣ, бигӯй,
Маро кардӣ андар ҷаҳон чораҷӯй.

Шаҳаншоҳ донад, ки ман кардам ин,
Дилаш гардад аз ман пур аз дарду кин».

Чу қайсар нигаҳ карду ин нома дид,
Зи лашкар гаронмояе баргузид.

Фиристод қайсар ба назди Гуроз,
К-аз он Эзидаш карда буд бениёз,

Ки «вайрон кунӣ тоҷу гоҳи маро,
Ба оташ бисӯзӣ сипоҳи маро,

К-аз он нома чуз ганҷ додан ба бод
Наёмад маро аз ту, эй баднажод.

Маро хостӣ, то ба Хусрав диҳӣ,
Ки ҳаргиз мабодат меҳиву беҳӣ!

Бибоист донист, к-эрониён
Чу бинанд шоҳ аз нажоди каён--

Ба Эрон нахоҳанд бегонае,
На қайсарнажоде, на фарзонае».

www.sattor.com

Ба қайсар басе кард пӯзиш Гуроз,
Ба кӯшиш наёмад зи домаш фароз.

Гузин кард пас Хусрав озодае,
Сухангӯю доно фиристодае.

Яке нома бинвишт сӯи Гуроз,
Ки «эй бебаҳо римани девсоз!

Туро чанд хонам бад-ин боргоҳ,
Ҳаме дур монӣ аз оину роҳ.

Кунун ин сипоҳе, ки назди туанд,
Ба ҳар солу маҳ[1] урмузди туанд.

Ба рою ба дил вижаи қайсаранд,
Ниҳонӣ бар андешаи дигаранд.

Бари мо фирист, он ки печидаанд,
Ҳаме саркаширо басечидаанд».

Чу ин нома омад ба сӯи Гуроз,
Пурандеша шуд меҳтари дерсоз.

Гузин кард аз он номдорон савор,
Аз Эрону Нерон даҳу ду ҳазор.

Бад-эшон чунин гуфт: «Якдил шавед,
Сухан гуфтани ҳар касе машнавед.

Бибошед якчанд аз ин рӯи об,
Магиред яксар зи рафтан шитоб.[2]

Чу ҳампушт бошед бо ҳам равон,
Яке кӯҳ кандан зи бун бартавон».

Сипаҳ рафт то харраи Ардашер,
Ҳам он кас, ки буданд барнову пир.

1. Л – Асирони рӯз
2. ТПМ – Аз ин ҷо сӯи марзи Эрон равед,
Ба наздики шоҳи далерон равед.

www.sattor.com

Кашиданд лашкар бад-он рӯдбор,
Бад-он то чӣ фармон диҳад шаҳрёр.

Чу огоҳ шуд Хусрав аз корашон,
Набуд орзуманди дидорашон.

Бифармуд, то Зодфаррух бирафт,
Ба наздики он лашкари шоҳ тафт.

Чунин бурд пайғом назди сипоҳ,
Ки аз пеш будӣ маро некхоҳ.

Чаро роҳ додӣ, ки қайсар зи Рум
Биёвард лашкар бад-ин марзу бум?

Кӣ буд он, ки аз роҳи Яздон бигашт,
Зи рою зи фармони[1] мо баргузашт?[2]

Чу пайғоми Хусрав шунид он сипоҳ,
Шуд аз бим рухсори эшон сиёҳ.[3]

Кас он роз пайдо наёраст кард,
Бимонданд бо дарду рухсор зард.

Паямбар яке буд дил бо Гуроз,
Ҳаме дошт аз боду аз хок[4] роз.

Биёмад ниҳонӣ ба наздикашон,
Барафрӯхт ҷонҳои торикашон.

«Матарсед,– гуфт,– эй бузургон, ки шоҳ –
Надид аз шумо ошкоро гуноҳ.

Мабошед ҷуз якдилу якзабон,
Магӯед, к-аз мо кӣ шуд бадгумон.

В-агар шуд ҳама зери як чодарем,
Ба мардӣ ҳама ёри якдигарем».

---

1. Л – паймони
2. Л – даргузашт.
3. Л – рухсорагоншон чу коҳ.
4. Л – об в-аз бод

www.sattor.com

Ҳамон чун шуниданд овози ӯй,
Бидонист ҳар меҳтаре рози ӯй.

Меҳон яксар аз ҷой бархостанд,
Бар он ҳамнишон посух oростанд.

Бари шоҳ шуд Зодфаррух чу гард,
Суханҳои эшон ҳама ёд кард.

Бад-ӯ гуфт: «Рав пеши эшон, бигӯй,
Ки андар шумо кист озорҷӯй?

Ки бифрефташ қайсари шумбахт,[1]
Ба ганчу силоҳу[2] ба тоҷу ба тахт,

Ки наздики мо ӯ гунаҳгор шуд
В-аз ин тоҷу аврaнг безор шуд.

Фиристед яксар бад-ин боргоҳ,
Касеро, ки будаст з-ин сар гуноҳ.

В-агарна ҳама дор бинеду чоҳ,
Зи лашкар ҳар он кас, ки гум кард роҳ».

Бишуд Зодфаррух, бигуфт ин сухан,
Рухи лашкари нав зи ғам шуд куҳан.

Наёраст лабро кушод эч кас,
Пур аз дард хомуш бимонданд бас.

Сабук Зодфаррух забон баркушод,
Ҳаме кард гуфтори нохуб ёд,

К-«аз ин сон сипоҳе далеру ҷавон
Набинам кас андар миён нотавон.

Шуморо чаро тарс бояд зи шоҳ,
Ба гетӣ пароканда аз дар сипоҳ.

1. Л – шӯрбахт.
2. ИЛ – салеҳу

www.sattor.com

Бузурге набинам ба даргоҳи ӯй,
Ки равшан кунад ахтару моҳи ӯй.[1]

Шумо хор доред гуфтори ман,
Матарсед яксар зи озори ман.

Ба дашном лабҳо кушоед боз,
Чи бар ман, чи бар шоҳи гарданфароз».

Ҳар он кас, ки бишнид аз ӯ ин сухан,
Бидонист, к-он бахти нав шуд куҳан.

Ҳама яксар аз ҷой бархостанд,
Ба дашном лабҳо биёростанд.

Бишуд Зодфаррух, ба Хусрав бигуфт,
Ки «лашкар ҳама ёр гаштанду ҷуфт.

Маро бими ҷон аст, агар низ шоҳ
Фиристад ба пайғом назди сипоҳ».

Бидонист Хусрав, ки он кажжгӯй
Ҳамон обу хун андарорад ба ҷӯй.

Зи бими бародар-ш чизе нагуфт,
Ҳаме дошт ин ростӣ дар нуҳуфт,

Ки печида буд Рустам аз шаҳрёр
Ба ҷое худу теғзан даҳ ҳазор.

Дили Зодфаррух нигаҳ дошт низ,
Сипаҳро ҳаме рӯй баргошт низ.

РАҲО КАРДАНИ САРОН ШИРӮЯРО ЗИ БАНД

Бидонист ҳам Зодфаррух, ки шоҳ
Зи лашкар ҳама з-ӯ шиносад гуноҳ.

1. Л –Пас б. 3956 ин б. омада:
Бародар-м Рустам зи фармони ӯ
Бигаштаст, ҳам дил зи паймони ӯ.

www.sattor.com

Чу омад бурун ин бадандеши шоҳ,
Наёраст шуд низ дар пешгоҳ.[1]

Ба дар-бар ҳаме буду бо ҳар касе
Ҳаме кард аз он озмоиш басе.

Ҳаме сохт ҳамвора, то он сипоҳ
Бупечид як-як зи фармони шоҳ.

Ҳаме ронд бо ҳар касе достон,
Шуданд андар он кор ҳамдостон,

Ки шоҳе дигар барнишонад ба тахт,
К-аз ин дур шуд фарру оину бахт.

Бари Зодфаррух яке пир буд,
Ки дар корҳо кардан[2] ожир буд.

Чунин гуфт бо Зодфаррух, ки «шоҳ
Ҳаме аз ту бинад гуноҳи сипоҳ.

Кунун то яке шаҳрёре падид
Наёрӣ, фузун з-ин набояд чаҳид,

Ки ин буми обод вайрон шавад,
Аз ошӯб Эрон чу Нерон шавад.

Нигаҳ кард бояд ба фарзанди ӯй,
Кадом аст бошарму бегуфтугӯй.

Варо шод бар тахт бояд нишонд,
Бар он тоҷ динор бояд фишонд.[3]

Чу Ширӯи бедор меҳтарписар
Ба зиндон бувад, кас набояд дигар».

Ҳаме рой зад з-ин нишон ҳар касе,
Бар ин рӯзу шаб барнаёмад басе,

1. И – б. 3967, 3968 нест.
2. Л – сахт
3. ТПЗ – Аз он пас ба коре дигар дархазем,
Ки талхӣ мазидем, ширин мазем.

www.sattor.com

Ки бархост гарди сипоҳи Тухор,
Ҳама корҳоро гирифтанд хор.

Пазира шудаш Зодфаррух ба роҳ,
Фаровон бирафтанд бо ӯ сипоҳ.

Расиданд пас як ба дигар фароз,
Сухан рафт чанд ошкорову роз.

Ҳамон Зодфаррух забон баркушод,
Бадиҳои Хусрав ҳаме кард ёд.

Ҳаме гуфт: «Лашкар ба мардиву рой,
Ҳаме кард хоҳанд шоҳе ба пой».

Сипаҳбад чунин дод посух бад-ӯй,
Ки ман нестам ҷомаи гуфтугӯй.

Агар бо ялон андароям ба ҷанг,
Кунам бар ялони ҷаҳон ҷой танг.

Гиромӣ буд ин шаҳрёри ҷавон
Ба назди кунорангу ҳам паҳлавон.

Чу рӯзи чунон[1] мард гардад сиёҳ,
Мабодо, ки бинад касе тоҷу гоҳ.

Нажанд он замон шуд, ки бедод шуд,
Зи[2] бедодгар бандагон шод шуд.[3]

Суханҳош чун Зодфаррух шунид,
Мар ӯро зи эрониён баргузид.

Бад-ӯ гуфт: «Акнун ба зиндон шавем,
Ба наздики он мустамандон шавем.

Биёрем бебок Шируйро,
Ҷавону далеру ҷаҳонҷӯйро».

1. Л –чун ӯ
2. И –Ба
3. Л –б. 3990 нест.

www.sattor.com

Сипаҳбад нигаҳбони зиндони ӯст,
К-аз ӯ доштӣ бештар мағзу пӯст.

Або шаш ҳазор озмуда савор
Ҳаме дорад он бастагонро ба зор.

Чунин гуфт бо Зодфаррух Тухор,
Ки «кори сипаҳбад гирифтем хор.

Гар ин бахти Парвиз гардад ҷавон,
Намонад ба Эрон яке паҳлавон.

Агар дор доранд, агар чоҳу банд,
Намонад ба Эрон яке бегазанд,»[1]

Бигуфт ину аз ҷой бар кард асп,
Ҳаме тохт бар сони Озаргушасп

Сипоҳ андаровард яксар ба ҷанг,
Сипаҳбад пазира шудаш бединг.

Сари лашкари номвар гашта шуд,
Сипаҳбад ба ҷанг- андарун кушта шуд.

Пароканда шуд лашкари шаҳрёр,
Сияҳ гашт рӯзу табаҳ гашт кор.

Ба зиндони танг андаромад Тухор
Бад-он чора бо ҷомаи корзор.

Ба Ширӯи гарданкаш овоз дод,
Сабук посухаш номвар боз дод.

Бидонист Ширӯй, к-он сарфароз
Бад-он гаҳ ба зиндон чаро шуд фароз.

Чу рӯи Тухори фурӯзон бидид,
Аз андӯҳ ҷону дилаш бардамид.[2]

1. ИЛ – б. 3998 нест.
2. Л – хандон лабашро газид.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт гирён, ки «Хусрав куҷост?
Раҳо кардани мо чӣ кори шумост?»

Чунин гуфт бо шоҳзода Тухор,
Ки «гар мардумӣ, коми шерон махор.

Агар ту бад-ин кор ҳамдостон
Набошӣ, ту кам гир аз ин достон.

Яке кам бувад шояд аз шонздаҳ,
Бимонад бародар туро понздаҳ,

Ки шоянд ҳар як ба шоҳаншаҳӣ,
Бад-эшон бувад шод тахти меҳӣ».

Фурӯ монд Ширӯй гирён ба ҷой,
Аз он хонаи танг бугзорд пой.

ОГАҲ ШУДАНИ ХУСРАВ АЗ КОРИ СИПОҲ

Ҳамон Зодфаррух ба даргоҳ-бар
Ҳаме буду касро надодӣ гузар,

Ки огаҳ шудӣ з-он сухан шаҳрёр,
Ба даргоҳ- бар буд як пардадор.

Чу пажмурда шуд чодари офтоб,
Ҳаме сохт ҳар меҳтаре ҷои хоб.

Бифармуд, то посбонони шаҳр
Ҳар он кас, ки аз меҳтарӣ дошт баҳр--

Бирафтанд яксар сӯи боргоҳ,
Бад-он ҷои шодиву ороми шоҳ.

Бад-эшон чунин гуфт, к-«имшаб хурӯш
Дигаргунатар кард бояд, ки дӯш.

Ҳама посбонон ба номи Қубод
Ҳаме кард бояд ба ҳар пос ёд».

Чунин дод посух, ки «эдун кунам,
Зи сар номи Парвиз берун кунам».

www.sattor.com

Чу шаб чодари қиргун кард нав,
Зи шаҳру зи бозор бархост ғав.[1]

К-анӯша зиёд аз бузургон Қубод
Ба ҳар кишваре номи ӯ бод ёд.

Шаби тира шоҳи ҷаҳон хуфта буд,
Ки Ширин ба болинаш ошуфта буд.

Чу овози он посбонон шунид,
Ғамӣ гашту шодон дилаш бардамид.

Бад-ӯ гуфт: «Шоҳо, чӣ шояд будан?
Бад-ин достоне бибояд задан?»

Аз овози ӯ шоҳ бедор шуд,
Дилаш з-он сухан пур зи озор[2] шуд.

Ба Ширин чунин гуфт, к-«эй моҳрӯй,
Чӣ дорӣ ба хоб -андарун гуфтугӯй?»

Чунин гуфт Ширин, ки «букшой гӯш,
Хурӯшидани посбонон нигош».

Чу Хусрав бар он гуна ово шунид,
Ба рухсора шуд чун гули шанбалид.

Чунин гуфт, к-«аз шаб гузашта се пос,
Биёбед гуфтори ахтаршинос,

Ки ин бадкуниш чун зи модар бизод,
Ниҳонӣ варо ном кардам Қубод.

Ба овоз Ширӯй гуфтам ҳаме,
Дигар номаш андарнуҳуфтам ҳаме.

Варо ном Ширӯй буд ошкор,
Қубодаш ҳаме хонд ин нобакор.

1. ТПЗ – Ҳама посбонон ба номи Қубод
Чу овоз доданд, карданд ёд.
2. Л – тимор

www.sattor.com

Шаби тира бояд шудан сӯи Чин
В-агар сӯи Мочину Мукронзамин.

Бар эшон ба афсун бигирем роҳ,
Зи Фағфури чинӣ бихоҳам сипоҳ».

Аз он к-ахтараш б-осмон тира буд,
Суханҳои ӯ бар замин хира буд.

Шаби тира афсун наёмад ба кор,
Ҳаме омадаш кори душхор хор.

Бад-ӯ гуфт Ширин, ки «омад замон,
Бар афсуни мо чира шуд бадгумон.[1]

Ба дониш кунун чораи хеш соз,
Мабодо, ки[2] ояд ба душман ниёз.

Чу равшан шавад, душмани чораҷӯй,
Ниҳад бегумон сӯи ин кох[3] рӯй».

Ҳамон гаҳ зиреҳ хост аз ганҷ шоҳ
Ду шамшери ҳиндиву румӣ кулоҳ.

Ҳамон таркашу тиру зарринсипар,
Яке бандае гурду пархошх(в)ар.

Шаби тирагун андаромад ба боғ,
Бад-он гаҳ, ки бархезад аз хоб зоғ.[4]

Биёвехт аз шох заррин сипар,
Ба ҷое к-аз ӯ дур будӣ гузар.

Нишаст аз бари наргису заъфарон,
Яке теғ дар зери зону гарон.

1. ТПЗЛ – Бад-ӯ гуфт Ширин: «Анӯша бадӣ,
Ҳамеша зи ту дур чашми бадӣ!
2. Л – к-ат
3. Л – даргоҳ
4. ТП – Ба боғи бузург- андар аз бас дарахт
Набуд шоҳро бар чаман ҷои тахт.

www.sattor.com

Чу хуршед барзад синон аз фароз,
Сӯи кох шуд душмани девсоз--

Якояк бигаштанд гирди сарой,
Тиҳӣ буд зи шоҳ ин сазовор ҷой.

Ба тороҷ доданд ганҷи варо,
Накард эч кас ёд ранҷи варо.

Ҳамон бозгаштанд, дида пуроб
Гирифта зи кори замона шитоб.

Чӣ ҷӯем аз ин гунбади тезгард,
Ки ҳаргиз наёсояд аз коркард.

Якеро ҳаме тоҷи шоҳӣ диҳад,
Якеро ба дарё ба моҳӣ диҳад.

Якеро бараҳна сару пою суфт,
На орому хӯрду на ҷои нуҳуфт.

Якеро диҳад нӯш аз шаҳду шир,
Бипӯшад ба дебову хаззу ҳарир.

Саранҷом ҳар ду ба хок андаранд,
Ба торикҷои мағок[1] андаранд.

Агар худ назодӣ хирадманд мард,
Набудиш андӯҳи нангу набард.

Надидӣ ҷаҳон аз буна, беҳ будӣ,
Агар кеҳ будӣ мард, агар меҳ будӣ.

Кунун ранҷ дар кори Хусрав барем,
Ба хонанда огоҳии нав барем.[2]

1. Л – торикдоми ҳалок
2. И–б. 4049–4057 нест.

www.sattor.com

ГИРИФТОР ШУДАНИ ХУСРАВИ ПАРВИЗ БА ДАСТИ ПИСАРАШ ШИРӮЯ

Ҳаме буд Хусрав бар он марғзор,
Дарахти баландаш бар ӯ соядор.

Чу бугзашт ниме зи рӯзи дароз,
Ба нон омад он подшоро ниёз.

Ба боғ- андарун буд як пойкор,
Ки нашнохтӣ чеҳраи шаҳриёр.

Парастандаро гуфт хуршедфар,
Ки «шохе бибур з-ин гиромӣ камар».

Бад-он шох буд мӯҳраи зарр панҷ,
Ба мӯҳра зи гавҳар басе дида ранҷ.

Чунин гуфт бо боғбон шаҳрёр,
Ки «ин мӯҳра имрӯз ояд[1] ба кор.

Ба бозор бар, порае[2] гӯшт хар,
Дигар нону бероҳ ҷое гузар».

Мар он гавҳаронро баҳо сӣ ҳазор
Дирам буд касеро, ки будӣ ба кор.

Сӯи нонво шуд сабук боғбон,
Бад-он шохи заррин аз ӯ хост нон.

Бад-ӯ нонво гуфт, к-«инро баҳо
Надонам, наёрам-ш кардан раҳо».

Бибурданд ҳар ду ба гавҳарфурӯш,
Ки инро баҳо кун, ба дониш бикӯш.

Чу он гавҳарон Зодфаррух бидид,
Бад-ӯ гуфт, к-«инро кӣ ёрад харид?

1. Л- мӯҳраҳо гир, к-ояд
2. Л –шав, баҳрае

www.sattor.com

Чунин шох дар ганҷи Хусрав будӣ,
Бад-ин гуна ҳарсола сад нав будӣ.

Ту ин гавҳарон аз кӣ дуздидаӣ,
Гар аз бандаи хуфта бибридаӣ?!»

Сӯи Зодфаррух шуданд он се мард,
Або гавҳару зарру бо коркард.

Чу он гавҳарон Зодфаррух бидид,
Сӯи шаҳрёри нав андардавид.

Ба Ширӯй бинмуд чандон[1] гуҳар,
Бурида яке шохи зарринкамар.

Чунин гуфт Ширӯй бо боғбон,
Ки «гар з-ин худованди гавҳар нишон

Нагӯӣ, ҳам акнун бибуррам сарат,
Ҳам онро, ки бошад зи бад[2] гавҳарат!»

Бад-ӯ гуфт: «Шоҳо, ба боғ андар аст
Зиреҳпӯш марде камоне ба даст.

Ба боло чу сарву ба рух чун баҳор,
Ба ҳар чиз монандаи шаҳрёр.

Саросар ҳама боғ аз ӯ равшан аст,
Чу хуршеди тобанда дар ҷавшан аст.

Фурӯ ҳишта аз шох зарринсипар
Яке банда дар пеши ӯ бо камар.

Бурид инчунин шохи гавҳар аз ӯй,
Маро доду гуфто аз эдар бипӯй.

Зи бозор нон овару нонхӯриш,
Ҳам акнун бирафтам чу бод аз бараш».

1. Л – гуфт ин-т фаррух
2. Л – ӯ бошад аз

www.sattor.com

Бидонист Ширӯй, к-он Хусрав аст,
Ки дидори ӯ дар замона нав аст.

Зи даргаҳ фиристод сесад савор
Чу боди дамон то лаби ҷӯйбор.

Чу Хусрав зи дур он сипаҳро бидид,
Бипажмурду шамшери кин баркашид.

Чу рӯи шаҳаншоҳ дид он сипоҳ,
Ҳама бозгаштанд яксар[1] зи роҳ.

Якояк бари Зодфаррух шуданд,
Басе ҳар касе достонҳо заданд,

Ки «мо бандагонему ӯ хусрав аст,
Бад-он шоҳ рӯзи бад акнун нав аст.

Наёрад задан кас бар ӯ боди сард,
Чи дар боғ бошад, чи андар набард».

Бишуд Зодфаррух ба наздики шоҳ,
Зи даргоҳи ӯ бурд чандин сипоҳ.

Чу наздики ӯ рафт, танҳо бибуд,
Фаровон сухан гуфту Хусрав[2] шунуд.

Бад-ӯ гуфт: «Агар шоҳ борам диҳад,
Бад-ин кардаҳо зинҳорам диҳад,

Биёям, бигӯям сухан ҳар чӣ ҳаст
В-агарна бипӯям ба сӯи нишаст».

Бад-ӯ гуфт Хусрав: «Чӣ гуфтӣ, бигӯй,
На андуҳгусорӣ, на пайкорҷӯй!»

Чунин гуфт пас марди гӯё ба шоҳ,
Ки «дар кор ҳушёртар кун нигоҳ.

1. Л – гирён
2. Л – чанде

www.sattor.com

Бар он не, ки куштӣ ту ҷангӣ ҳазор,
Саранҷом сер оӣ аз корзор.

Ҳама шаҳри Эрон туро душмананд,
Ба пайкори ту якдилу яктананд.

Биё, то бихоҳад намудан сипеҳр,
Магар кинаҳо бозгардад ба меҳр».

Бад-ӯ гуфт Хусрав, ки «оре, равост,
Ҳама бимам аз мардуми носазост,

Ки пеши ман оянду хорӣ кунанд,
Ба ман-бар ба бад[1] комгорӣ кунанд».

Чу бишнид аз Зодфаррух сухан,
Дилаш бад шуд аз рӯзгори куҳан,

Ки ӯро ситорашумар гуфта буд,
Зи гуфтори эшон[2] барошуфта буд,

Ки марги ту бошад миёни ду кӯҳ
Ба дасти яке банда дур аз гурӯҳ.

Яке кӯҳи заррин, яке кӯҳи сим,
Нишаста ту андар миён, дил ду ним,

Зи бар осмони ту заррин бувад,
Замин оҳанин, бахт пуркин бувад.

Кунун ин зиреҳ чун замини ман аст,
Сипар осмони барини ман аст.

Ду кӯҳ, ин ду ганҷи ниҳода ба боғ,
К-аз ин ганҷҳо шуд дилам чун чароғ.

Ҳамоно сар омад кунун рӯзи ман,
Куҷо[3] ахтари гетиафрӯзи ман?

1. Л – ҳаме
2. Л – сипеҳрӣ.
3. Л – Ҳамон

www.sattor.com

Куҷо он ҳама кому ороми ман,
Ки бар тоҷҳо-бар будӣ номи ман?

Бибурданд пиле ба наздики ӯй,
Пур аз дард шуд[1] ҷони торики ӯй.

Бар он кӯҳаи пил бинишаст шоҳ,
Зи боғаш биёвард лашкар ба роҳ.

Сухан гуфт аз он пил бар паҳлавӣ,
Ки «эй ганҷ, агар душмани Хусравӣ,

Макун дӯстӣ низ бо душманам,
Ки имрӯз дар дасти оҳарманам!

Ба сахтӣ набудим фарёдрас,
Ниҳон бошу манмой рӯят ба кас».

Ба дастур фармуд аз он пас Қубод,
К-«аз ӯ ҳеҷ бар бад макун низ ёд.

Бигӯ, то сӯи Тайсафунаш баранд,
Бад-он хонаи раҳнамунаш баранд.

Бибошад ба ороми Морусипанд,
Набояд, ки оранд бар вай газанд.[2]

Бар ӯ-бар мувакқил кунанд устувор
Галинӯшро бо саворе ҳазор.

Чу гарданда гардун ба сар баргузашт,
Шуд аз шоҳияш сол бар сиву ҳашт.

Куҷо моҳи озар буду рӯзи дай,
Гаҳи оташу мурғи бирёну май.[3]

1. ИЛ – буд
2. Л – Набошад ба айвони мо–дар писанд,
Набояд, ки дорад кас ӯро нажанд:
И – Набошам ба озори ӯ судманд,
Набояд, ки дорад кас ӯро нажанд:
3. ТПЗ – Зи Хусрав бишуд фарри шоҳаншаҳӣ,
Абе тоҷ монд ӯ ба сони раҳӣ.

www.sattor.com

Қубод омаду тоҷ бар сар ниҳод,
Ба ором бар тахт биншаст шод.

Аз Эрон бар ӯ кард байъат сипоҳ,
Дирам дод аз ганҷи яксола шоҳ.

Набуд зиндагониш ҷуз ҳафт моҳ,
Ту хоҳӣ-ш ночиз хон, хоҳ шоҳ.

Чунин аст расми сарои ҷафо,
Набояд к-аз ӯ чашм дорӣ вафо.

4125 Ҳар он кас, ки расми ҷаҳон донад ӯй,
Ҷаҳонро ҳаме кинавар хонад ӯй.[1]

1. ИЛ –б. 4125 нест:
ТП – Ҷавонмардӣ, аз корҳо пеша кун,
Ҳама некувӣ андар андеша кун.
Чу гӯӣ, к-аз ӯ ман расидам ба ком,
Нигаҳ кун,ки он ком банд асту дом.
Зи бад, то тавонӣ, сиголиш макун,
Аз ин марди донанда бишнав сухун.
Чу гуфтору кирдор некӯ кунӣ,
Ба гетӣ равонро беоху кунӣ.

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ ҚУБОДИ ПАРВИЗ

Ҳафт моҳ буд

ОҒОЗИ ДОСТОН

БАР ТАХТ НИШАСТАНИ ШИРӮЯ ВА АНДАРЗ КАРДАН ВА ФИРИСТОДАНИ САРОН НАЗДИ ПАДАР БА ПАНД ВА ПӮЗИШ

Чу Ширӯй биншаст бар тахт шод,[1]
Ба сар барниҳод он кайӣ тоҷи дод.[2]

Бирафтанд гурдони[3] эрониён,
Бар ӯ хонданд офарини каён.

Чунин гуфт ҳар як ба бонги баланд,
Ки «эй пурҳунар, хусрави арҷманд![4]

Чунон ҳам, ки Яздон туро дод тоҷ,
Нишастӣ ба ором бар тахти оҷ.

Бимонод гетӣ ба фарзанди ту,
Чунин ҳам ба хешу ба пайванди ту».

Чунин дод посух бад-эшон Қубод,
Ки «ҳамвора пирӯз бошеду шод.

Набошем то ҷовидон бадкуниш,
Чу некӯ бувад дод бо[5] хушманиш.

Ҷаҳонро бидорем бо эманӣ,
Бибуррем кирдори оҳарманӣ.

Зи боиста оини пешини мо,
Ки афзун кунад фарраи дини мо,

1. Л – тахти ноз: И – оҷ,
2. Л – оз: И – зарр тоҷ.
3. ИЛ – гӯянда
4. ИЛ – б. 3 нест.
5. Л – шоҳро

www.sattor.com

Паёме фиристам ба назди падар,
Бигӯям бад-ӯ ин сухан дар ба дар.

Зи нохуб коре, ки ӯ рондааст,
Ба бад номи ӯ дар ҷаҳон мондааст,

Ба Яздон кунад пӯзиш ӯ аз гуноҳ,
Гироянда гардад ба оину роҳ.

Чу ӯ ром гардад ба гуфтори ман,
Беозор гардад дилозори ман.[1]

Бипардозам огаҳ ба кори ҷаҳон,
Бикӯшам ба дод ошкору ниҳон.

Ба ҷои накӯкор некӣ кунам,
Дили марди дарвешро нашканам.

Ду тан боядам роду некӯсухан,
Куҷо ёд доранд кори куҳан».

Бад-он анҷуман гуфт, к-«ин кори кист,
Зи эронсарон[2] поку бедор[3] кист?»

Намуданд гурдон саросар ба чашм,
Ду устодро гар нагиранд хашм.

Бидонист Ширӯй, к-эрониён
Киро баргузиданд пок аз миён.

Чу Аштоду Харроди Барзини пир,
Ду донои гӯяндаву ёдгир.

Бад-эшон чунин гуфт, к-«эй бихрадон,
Ҷаҳондидаву коркарда радон!

Мадоред кори ҷаҳонро ба ранҷ,
Ки аз ранҷ ёбад сарафроз ганҷ».[4]

1. ИЛ – б. 3 нест.
2. Л – эрониён
3. И – эрониён поку диндор
4. ТПЗ – Шуморо бибояд шудан назди шоҳ,
Магар к-аз шумо шоҳ ояд ба роҳ

www.sattor.com

Ду донанда беком бархостанд,
Пур аз об[1] мижгон биёростанд.[2]

Чу Харроди Барзину Аштогушасп
Ба фармон нишастанд ҳар ду бар асп.

Бад-эшон чунин гуфт, к-«аз дил кунун
Бибояд гирифтан раҳи Тайсафун.

Паёме барӣ назди фаррух падар,
Сухан ёд гирӣ ҳама дар ба дар.

Бигӯӣ, ки моро набуд ин гуноҳ,
На эрониёнро буд ин дастгоҳ,

Ки бодафраи эзадӣ ёфтӣ,
Чу аз некуӣ рӯй бартофтӣ.

Яке он ки нопок хуни падар
Бирезад зи тан[3] покзода писар,

Набошад бар ин низ ҳамдостон,
Ки пеши касе гӯяд ин достон.

Дигар он ки гетӣ пур аз ганҷи туст,
Расида ба ҳар кишваре ранҷи туст.[4]

Се дигар, ки чанде далеру савор,
Ки буд андар Эрон ҳама номдор-

Набуданд шодон зи фарзанди хеш,
Зи буму бару пок пайванди хеш.

Яке сӯи Чин шуд, яке сӯи Рум,
Пароканда гашта ба ҳар марзу бум.

Бигӯед пешаш, чу бояд сухан,
Чи аз нав, чи аз достони куҳан.

1. Л – Рух аз оби
2. ТПЗИ– Ба Харрод гуфто: «Нигар, нағнавӣ,
Бавижа, ки дастури Хусрав бувӣ.
3. Л – ҳаме
4. ТПМ – Пур аз дард кардӣ дили ростон,
Набудӣ ҳамон низ ҳамдостон.

www.sattor.com

Дигар он ки қайсар ба ҷои ту кард,
Зи ҳар гуна аз ту чӣ[1] тимор х(в)ард.

Сипаҳ доду духтар туро дод низ,
Ҳамон ганҷу бо ганҷ бисёр чиз.

Ҳаме хост дори Масеҳо ба Рум,
Бад-он то шавад тоза он марзу бум.

Ба ганҷи ту ин дори Исо чӣ суд,
Ки қайсар ба хубӣ зи ту[2] шод буд.

Надодиву ин моя роят набуд,
Сӯи мардумӣ раҳнамоят набуд.

Дигар оз бар ту чунон чира гашт,
Ки чашми хирад мар туро хира гашт.[3]

Зи бечорагон хоста бистадӣ,
Зи нафрин ба рӯи ту омад бадӣ.[4]

Дигар он ки фарзанд будат ду ҳашт,
Шабу рӯзи эшон ба зиндон гузашт.

Бад-ин саркашӣ аз ту эмин нахуфт,
Зи бими ту бугзоштандӣ нуҳуфт.

Зи Яздон шинос он, ки омад-т пеш,
Барандеш аз он зишт кирдори хеш.

Бад он бад, к-аз ин бад баҳона манам,
Суханро нахуст остона манам.

Ба Яздон, ки аз ман набуд ин гуноҳ,
Наҷустам, ки вайрон шавад гоҳи шоҳ.

Кунун пӯзиши ин ҳама бозҷӯй,
Бад-ин номдорони Эрон бигӯй.

1. Л –ҳар гунае аз ту
2. Л – чӯбе ҳаме
3. ИЛ – б. 39 нест.
4. ТПЗИМ – Бикуштӣ ду холи накӯхоҳро,
К-аз эшон барафрӯхтӣ гоҳро.

www.sattor.com

Зи бадҳо, ки кардӣ, ба Яздон гирой,
Ки ӯяст бар некувӣ раҳнамой.

Магар мар туро ӯ бувад дастгир
Бад-он ранҷҳое, ки будат гузир».

Чу бишнид пайғоми ӯ ин ду[1] мард,
Бирафтанд дилҳо пур аз доғу дард.

Бад-ин гуна то кишвари Тайсафун
Ҳама дида пур-обу дил пур зи хун.

В-аз он шаҳр то хони Морӯспанд,
Ки буд андар он шаҳрёри баланд.

Нишаста ба дар-бар Галинӯш буд,
Ки гуфтӣ, замин з-ӯ пур аз ҷӯш буд.

Ҳама лашкараш яксар ороста,
Кашида ҳама теғу пероста.

Або ҷавшану хӯд баста миён,
Ҳама тозиаспон ба баргустувон.

Ба ҷанг- андарун гурзи пӯлод дошт,
Ҳама дил пур аз оташу бод дошт.[2]

Чу Харроди Барзину Аштогушасп
Фуруд омаданд он ду доно зи асп.

Галинӯш бар пой ҷаст ин замон,
Зи дидори эшон бишуд шодмон.

Ба ҷое ки шоист,[3] биншондашон,
Ҳама меҳтари номвар хондашон.

Сухангӯй Харроди Барзин нахуст
Забонро ба оби далерӣ бишуст.

1. Л –пайғом ин ҳар ду: И –пайғом аз ӯ ин ду
2. Л – б. 56 нест.
3. ИЛ –боист,

www.sattor.com

Галинӯшро гуфт фаррух Қубод,
Ба ором тоҷи каён[1] барниҳод.

Ба Эрону Нерону Рум огаҳист,
Ки Шируй бар тахти шоҳаншаҳист.

Ту ин ҷавшану хӯду гурзу камон
Чӣ дорӣ, ҳаме кистат бадгумон?

Галинӯш гуфт: «Эй ҷаҳондида мард,
Ба коми ту бодо ҳама коркард,

Ки тимор бурдӣ зи нозук танам,
Куҷо оҳанин буд пероҳанам.

Бар ин меҳр-бар офарин хонамат,
Сазоӣ, ки гавҳар барафшонамат.[2]

Набошад[3] ба ҷуз хуб гуфтори ту,
Ки хуршед бод аз ҷаҳон ёри ту!

Ба коре куҷо омадастӣ, бигӯй,
Пас он гаҳ суханҳои ман бозҷӯй».

Чунин дод посух, ки «фаррух Қубод,
Ба Хусрав маро чанд пайғом дод.

Агар бозхоҳӣ, бигӯям ҳама,
Паёми ҷаҳондор, шоҳи рама».

Галинӯш гуфт: «Эй гаронмоя мард,
Кӣ донад суханҳо чунин ёд кард?

Валекин маро шоҳи Эрон-Қубод
Басе андар ин панду андарз дод,

Ки ҳамдостонӣ макун рӯзу шаб,
Ки дар пеши Хусрав кушоянд[4] лаб.

1. Л – кайӣ
2. Л – б. 65, 66 нест.
3. Л – Мабодо
4. ИЛ – кас пеши Хусрав кушояд

www.sattor.com

Магар он ки гуфтори ӯ бишнавӣ,
Агар порсӣ гӯяд, ар паҳлавӣ».

Чунин гуфт Аштод, к-«эй шодком,
Ман андар ниҳонӣ надорам паём.

Паёмест, к-он теғ бор оварад,
Сари саркашон дар канор оварад.

Ту акнун зи Хусрав бад-ин бор хоҳ
Бад-он то бигӯям паёмаш зи[1] шоҳ».

Галинӯш бишнид, бар пой ҷаст,
Ҳама бандҳоро ба тан-бар бубаст.

Бари шоҳ буд,[2] даст карда ба каш,
Чунон чун бибояд парасторфаш.

Бад-ӯ гуфт: «Шоҳо, анӯша бадӣ,
Мабодо дили ту нажанд аз бадӣ!

Чу Аштоду Харроди Барзин зи шоҳ
Паём овариданд аз он боргоҳ».

Бихандид Хусрав, ба овоз гуфт,
Ки «гуфтори ту бо хирад нест[3] ҷуфт.

Гар ӯ шаҳрёр аст, пас ман киям,
Бад-ин танг зиндон зи баҳри чиям?

Ки аз ман ҳаме бор бояд-т[4] хост,
Агар кажж гӯянд, агар роҳи рост».

Биёмад Галинӯш назди гавон,
Бигуфт ин сухан гуфтани хусравон.[5]

Кунун даст карда ба каш баршавед,
Бигӯеду гуфтори ӯ бишнавед.

1. ИЛ – бигӯем пайғоми
2. ИЛ – шуд
3. Л – бод
4. Л – боядат бор
5. Л – паҳлавон.

www.sattor.com

Ду марди хирадманди покизагӯй
Ба дастори чинӣ бубастанд рӯй.

Чу диданд, бурданд пешаш намоз,
Бибуданд ҳар ду замоне дароз.

Ҷаҳондор бар шодварди бузург
Нишаста ҳама пайкараш мешу гург.

Ҳамон зарру гавҳар бар он бофта,
Саросар як андар дигар тофта.

Ниҳолиш дар зери дебои зард,
Паси пушти ӯ маснаде ложвард.

Биҳии тановар гирифта ба даст,
Дижам хуфта бар ҷойгоҳи нишаст.

Чу дид он ду марди гаронсояро,
Ба доноӣ - андар сари мояро--

Аз он хуфтагӣ хештан кард рост,
Ҷаҳонофаринро ниҳон ёр хост.

Ба болин ниҳод он гиромӣ биҳӣ,
Бад-он то бипурсад зи ҳар ду раҳӣ.

Биҳӣ з-он ду болиш ба нармӣ бигашт,[1]
Беозор гардон зи сундус[2] гузашт.

Бад-ин гуна аз шодварди меҳӣ,
Ҳаме гашт, то шуд ба рӯи замӣ.

Бипӯид[3] Аштоду он баргирифт,
Бимолида-ш аз хоку бар сар гирифт,

Ҷаҳондор аз Аштод баргошт рӯй,
Бад-он то надид аз биҳӣ рангу бӯй.

1. Л – ба бар мебигашт,
2. Л – ба марқад
3. Л – Бибӯид

www.sattor.com

Биҳиро ниҳоданд бар шодвард,
Ҳаме буд бар пой пеш ин ду мард.

Пурандеша шуд номдор аз биҳӣ,
Надид андар ӯ ҳеҷ фоли беҳӣ.

Ҳамон гаҳ сӯи осмон кард рӯй,
Чунин гуфт, к-«эй довари ростгӯй!

Кӣ баргирад инро, ки ту бифканӣ,
Кӣ пайвандад онро, ки ту бишканӣ?!

Чу аз дудае бахти равшан бигашт,
Ғам овард чун рӯзи шодӣ гузашт».[1]

Ба Аштод гуфт: «Ончи дорӣ паём
Аз он беманиш кӯдаки зиштном.

Ҳамон з-он палиди[2] гунаҳкардагон,
Бадандешаву тирадил, бадгумон--[3]

Ҳама бадсиголанду бедонишанд,
Зи бедонишӣ вижа беромишанд.

Бихоҳад шудан бахт аз ин дудмон,
Намонад бад-ин тухма кас шодмон.

Сӯи носазоён шавад тоҷу тахт,
Табаҳ гардад ин хусравонӣ дарахт.

Намонад бузургӣ ба фарзанди мо,
На бар дудаву[4] хешу пайванди мо.

Ҳама дӯстон вижа душман шаванд,
Бар ин дуда бадгӯву бадтан шаванд.

---

1. Л – б. 104 нест.
2. Л – Ҳам аз рози мӯъҷаб
3. Л – Пурандешаву тирадил бардагон.
4. ТПЗИЛ – Сарафроз гардад, касе, к-ӯ кеҳ аст,
Пур аз ғам шавад ҷони он, к-ӯ меҳ аст.
Л – дар тухмаву: И – Абар тухмаи

www.sattor.com

Ниҳон ошкоро бикард ин биҳӣ,
Ки бебар шавад тахти шоҳаншаҳӣ.

Сухан ҳар чӣ бишнидӣ, акнун[1] бигӯй,
Паёмаш маро камтар аз оби ҷӯй.

Кушоданд гӯё забон ин ду мард,
Сухан ҳар чӣ фарзанди ӯ ёд кард.[2]

Ҷаҳондор бишнид гуфтори мард,
Баровард печон яке боди сард.

Бад-он номвар гуфт: «Посух шунав,
Якояк бубар сӯи солори нав.

Бигӯяш, ки айби касонро маҷӯй,
Ҷуз он гаҳ, ки бартобӣ аз айб рӯй.

Сухан ҳар чӣ гуфтӣ, на гуфтори туст,
Мамонод гӯёи ин тандуруст.

Бигӯ он ки бадхоҳ чун[3] бишнавад,
Зи[4] гуфтори беҳуда шодон шавад.

Бидонад, ки чандон надорӣ хирад,
Ки мағзат ба дониш сухан[5] парварад.

Ба гуфтори бебар чу неру кунӣ,
Равону хирадро пуроҳу кунӣ.

Касе к-ӯ гунаҳкор хонад[6] туро
В-аз он пас ҷаҳондор хонад[7] туро.

Набояд, ки ёбад бари ту нишаст,
Нагирад[8] каму беш коре ба даст.

1. Л –он ҷо
2. ТПЗ – Якояк бигуфтанд бо ӯ ҳама,
Намонданд пӯшида як замзама.
3. ИЛ – Магӯй он ки бадхоҳи ту
4. Л – Ба
5. Л – хирад
6. Л – хоҳад
7. Л –хоҳад
8. Л – Бигирад

www.sattor.com

Маяндеш аз ин пас бад-ин сон паём,
Ки душман шавад бар ту-бар шодком.

Ба Яздон маро кор перостаст,
Ниҳода бад-он гетиям хостаст.

Бад-ин гуфтани[1] айбҳои дурӯғ,
Ба пеши бузургон нагирӣ[2] фурӯғ».

ПОСУХ ФИРИСТОДАНИ ХУСРАВИ ПАРВИЗ ҚУБОДРО

Биёрам кунун посухи ин ҳама,
Бад-он то бигӯед пеши рама.

Пас аз марги ман ёдгорӣ бувад,
Сухан гуфтани рост ёрӣ бувад.[3]

Чу пайдо кунам бар ту анбӯҳи ранҷ,
Бидонӣ, ки аз ранҷи мо хост ганҷ.

Нахустин, ки гуфтӣ зи Ҳурмуз сухан,
Аз он хашму он орзуи куҳан

Зи гуфтори бадгӯй бар мо падар
Биёшуфту шуд кор зеру забар.

Аз андешаи ӯ чу огаҳ шудем,
Аз Эрон шаби тира бераҳ шудем.[4]

Ҳаме роҳ ҷустему бугрехтем,
Ба доми бало-бар наёвехтем.[5]

Шунидам, ки бар шоҳи ман бад расид,
Зи Бардаъ бирафтам, чу гӯш он шунид.

1. Л – гуфтаанд
2. Л – назди бузургон нагирад
3. И –б. 127, 128 нест.
4. ТПЗ – Маро худ ҳаме хост куштан ба заҳр,
Надидам ҷуз аз рафтанам пойзаҳр.
5. ТПИЛМ – Аз андешаи ӯ гуноҳам набуд,
Ҷуз аз ҷастан аз шоҳ, роҳам* набуд.
* Л –ҷустани шоҳроҳам: И – ҷустани раҳ паноҳам

www.sattor.com

Гунаҳкор Баҳром буд бо сипоҳ,
Биёрост бар пеши мо размгоҳ.

Аз ӯ низ бугрехтам рӯзи ҷанг,
Бад-он то наёям ман ӯро ба чанг.

В-аз он пас дигарбора бозомадам,
Диловар ба ҷангаш фароз омадам.[1]

На пархоши Баҳром якбора буд,
Ҷаҳоне бар он ҷанг наззора буд.

Ба фармони Яздони некифизой,
Ки ӯяст бар неку бад раҳнамой.

Чу Эрону Нерон ба мо ром гашт,
Ҳама коми Баҳром ноком гашт.

Чу аз ҷанги Чӯбина пардохтам,
Нахустин ба кини падар тохтам.

Чу Биндӯю Густаҳм холон буданд,
Ба ҳар кишваре беҳамолон буданд.

Фидо карда ҷонро ҳаме пеши ман,
Ба дил меҳрубону ба тан хеши ман.

Чу хуни падар буду дарди ҷигар,
Накардем сустӣ ба хуни падар.

Буридем Биндӯйро дасту пой,
Ки ӯ кард бар шоҳ торик ҷой.

Чу Густаҳм шуд дар ҷаҳон нопадид,
Зи гетӣ яке гӯшае баргузид.

Ба фармони мо ногаҳон кушта шуд,
Сари бахти[2] хунхорагон гашта шуд.

---

1. ТПЗ – Чу ошуфтаахтар зи мо даргузашт,
Ҳама рафта давлат ба мо бозгашт.
2. Л – Сару ройи

www.sattor.com

Дигар он ки гуфтӣ ту аз кори хеш,
Аз он тангзиндону бозори хеш.

Бад-он то зи фарзанди ман кори бад
Наёяд, к-аз он бар сараш бад расад.

Ба зиндон набуд бар шумо танг банд,
Ҳамон низ хориву бими газанд.

Бад-он рӯзатон хор нагзоштам,
Ҳама ганҷ пеши шумо доштам.

Бар оини шоҳони пешин будем,
На бекору бар дигар оин будем.

Зи нахчиру аз базми[1] ромишгарон,
Зи коре, ки андархури[2] меҳтарон,

Шуморо ба чизе набудӣ ниёз,
Зи динору аз гавҳару юзу боз.

Яке кох буд, карда зиндон-ш ном,
Ҳаме зистӣ андар ӯ шодком.

Ҳамон низ гуфтори ахтаршинос,
Ки моро ҳаме аз ту додӣ ҳарос,[3]

Ки аз ту бадояд бад-ин сон, ки ҳаст,
Наяндохтам ахтаратро зи даст.

В-аз он пас ниҳодем мӯҳре бар ӯй,
Ба Ширин супурдем аз ин гуфтугӯй.

Чу шуд соли шоҳим бар сию шаш,
Миёни чунон рӯзгорони х(в)аш,

Ту додӣ ба бод ин сухан бегумон,
Агарчанд бугзашт бар мо замон.

1. Л – гӯю
2. Л – буд дархури
3. ТПЗИ – Ҳаме аз пайи он буд ин тангбанд,
Ки то аз ту н-ояд ба мо-бар газанд.

www.sattor.com

Туро нома омад зи Ҳиндустон,
Будам ман бад-он низ ҳамдостон.

Зи Ройи барин назди мо нома буд,
Гуҳар буду ҳар гунае ҷома буд.

Яке теғи ҳиндиву пили сафед,
Ҷуз ин ҳар чӣ будам ба гетӣ умед.

Або теғ дебои зарбафт буд,
Зи ҳар гунае[1] гавҳари нобисуд.

Сӯи ту яке нома буд бар паринд,
Набишта чу ман дидам ин хатти Ҳинд.

Бихондам яке марди ҳиндӣ-дабир,
Сухангӯву гӯяндаву[2] ёдгир.

Чу он номаро марди ҳиндӣ бихонд,
Ба рух оби дида ҳаме барфишонд.

Бад-он нома баршуд, ки шодон бизӣ,
Ки бо тоҷи зар хусравиро сазӣ,

Ки чун моҳи озар бувад рӯзи дай,
Ҷаҳонро ту бошӣ ҷаҳондор кай.

Шуда подшоҳи падар сиву ҳашт,
Ситора бад-ин гуна хоҳад гузашт.

Дурахшон бувад[3] рӯзгори беҳӣ,
Ту тоҷи бузургӣ ба сар барниҳӣ.

Маро он сухан ин замон шуд дуруст,
Зи дил меҳрубонӣ нашоист шуст.

Ман огоҳ будам, ки аз бахти ту,
Зи гоҳу[4] дурахшидани тахти ту

1. Л – Ҳамон ҷомаву
2. ИЛ – донандаву
3. Л – шавад
4. Л- кори

www.sattor.com

Набошад маро баҳра ҷуз ранҷу дард,
Шавад[1] рӯзи равшан чунон[2] ложвард.

Зи бахшоишу дину пайванду меҳр
Накардам дижам ҳеҷ аз он нома чеҳр.

Ба Ширин супурдам, чу бархондам,
Зи ҳар гуна андешаҳо рондам.

Бари ӯст бо ахтари ту ба ҳам,
Надонад касе з-он сухан бешу кам.

Гар эдун ки хоҳӣ, ки бинӣ, бихоҳ,
Магар худ кунӣ бешу камро нигоҳ.

Бар онам, ки бинӣ, пушаймон шавӣ
В-аз ин дардҳо сӯи дармон шавӣ.

Дигар он ки гуфтӣ зи зиндону банд,
Ки омад зи мо бар касе-бар газанд.

Чунин буд, то буд кори ҷаҳон,
Бузургону шоҳони роду меҳон.

Агар ту надонӣ, ба мӯбад бигӯй,
Кунад з-ин сухан мар туро тозарӯй.[3]

Ҳар он кас, ки ӯ душмани Эзад аст,
Варо дар ҷаҳон зинда монӣ, бад аст.

Ба зиндони мо вижа девон буданд,
Ки некон аз эшон ғиревон буданд.

Чу моро набуд пеша хун рехтан,
Бад-он кор танг андаровехтан,

Бадонро ба зиндон ҳаме доштам,
Газанди касон хор нагзоштам.

1. Л – Шуда
2. Л – чунин
3. Л – Диҳад з-ин сухан мар туро обрӯй.

www.sattor.com

Кунун ман шунидам, ки кардӣ раҳо
Мар онро, ки буд бадтар аз аждаҳо.

Аз ин бад гунаҳкори Эзад шудӣ,
Ба кирдору гуфторҳо бад шудӣ.

Чу меҳтар шудӣ, кор ҳушёр кун,
Надонӣ ту, донандаро ёр кун.

Мабахшой бар ҳар кӣ ранҷат аз ӯст
В-агарчанд уммеди ганҷат аз ӯст.

Ҳар он кас, к-аз ӯ дар ҷаҳон ҷуз газанд
Набинӣ, мар ӯро чӣ беҳтар зи банд?

Дигар он ки аз хоста гуфтаӣ,
Хирадмандиву рой бинҳуфтаӣ.

Зи кас мо наҷустем чуз божу сов,
Ҳар он кас, ки ӯ дошт бо бож тов.

Басе гуфт ҳар кас, ки он душмананд,[1]
Бадонанду аз тухми Оҳармананд.[2]

Чу андешаи эзадӣ доштем,
Суханҳо ҳама[3] хор бугзоштем.

Зи Яздон пазируфтам ин тоҷу тахт,
Фаровон кашидам аз он ранҷ сахт.

Ҷаҳонофарин-довари додрост,
Ҳаме рӯзгоре дигаргуна хост.

Наям дижманиш низ дар хости ӯй,
Фузунӣ наҷӯем дар кости ӯй.

Бичустем хушнудии додгар,
Зи бахшиш ба кӯшиш надидам[4] гузар.

---

1. Л – ки ӯ душман аст,
2. Л – Зи тухми бадон асту Аҳриман аст.
3. Л – Мар инро ҳамон
4. Л – набошад

www.sattor.com

Чу пурсад зи ман кирдгори чаҳон,
Бигӯям бад-ӯ ошкору ниҳон.

Бипурсад, ки ӯ аз ту донотар аст,
Ба ҳар неку бад-бар тавонотар аст.

Ҳама пургуноҳон, ки пеши туанд,
На тимордору на хеши туанд.

Зи ман ҳар чӣ гӯянд, аз он пас ҳамон
Шаванд ин гурӯҳ бар ту-бар бадгумон.

Ҳама бандаи симу зарранду бас,
Касеро наёбӣ ту фарёдрас.

Аз эшон туро дил пуролоиш аст,
Гуноҳи маро ҷои полоиш аст.

Нагунҷад туро ин сухан дар хирад,
На з-ин ҷони он бадтанон бар х(в)арад.

Валекин ман аз баҳри бадкомаро,
Ки бархонад ин паҳлавӣ номаро[1],

Ҳам он дар ҷаҳон ёдгоре бувад,
Хирадмандро ғамгусоре бувад.

Пас аз мо ҳар он кас, ки гуфтори мо
Бихонанд, донанд[2] бозори мо.

Зи Бартосу аз Чин сипаҳ рондем,
Сипаҳбад ба ҳар ҷой биншондем.

Бибурдем бар душманон тохтан,
Наёраст кас гардан афрохтан.

Чу душман зи гетӣ пароканда шуд,
Ҳама ганҷи мо яксар оганда шуд.

1. ТПЗ – Бидонад, ки гуфторҳои дурӯғ
Набояд, ки гирад зи шоҳон фурӯғ.
2. Л – Бихонад, бидонад зи: И – Бихонад, биронад зи

www.sattor.com

Ҳама бум шуд пеши мо коргар,
Зи дарё кашиданд чандон гуҳар,

Ки маллоҳ гашт аз кашидан сутӯҳ,
Маро буд ҳомуну дарёву кӯҳ.

Чу ганҷи дирамҳо пароканда шуд,
Зи динори нав бадра оганда шуд-[1]

Зи ёқуту аз гавҳари шоҳвор,
Ҳамон ҷомаву олати корзор,

Чу дайҳими мо бисту шашсола гашт,
Зи ҳар гавҳаре ганҷҳо мола гашт.[2]

Ба ҳар бадра-дар буд даҳу ду ҳазор,
Пароканда динор буд шоҳвор.

Пароканда, афканда, пайдовасӣ-
Ҳама чарми пайдовасӣ порсӣ.

Бад-он сол чун бож ҷустам шумор,
Чу сад[3] бор динор буд[4] сад ҳазор.

Дирамро яке мехи нав сохтем,
Сӯи шодиву фаррухӣ тохтем-

Чи аз божу аз сови Ҳиндустон,
Чи аз кишвари Руму ҷодуситон,

Чи аз ҳадяву божи ҳар кишваре,
Зи ҳар номдореву ҳар меҳтаре.

Чи аз расму оини Наврӯзу Меҳр,
Зи аспону аз бандаи хубчеҳр.

Чи аз ҷавшану хӯду кӯполу теғ,
Зи мо ин набудӣ касеро дареғ.

1. Л – б. 213 нест.
2. Л – ганҷи мо баргузашт.
3. Л – Дусад
4. И – бар

www.sattor.com

Чи аз мушку кофуру хаззу самур,
Сиёҳу сапеду зи кимоли бӯр-

Ҳар он кас, ки моро будӣ зердаст,
Чунин борҳо бар ҳаюнон бубаст.

Ҳаме тохтандӣ ба даргоҳи мо,
Напечид кас гардан аз роҳи мо.

Зи ҳар дар фаровон кашидем ранҷ,
Бад-он то биёганд аз ин гуна ранҷ.

Фаровон зи номаш сухан рондем,
Саранҷом[1] Бодовараш хондем.

Дигар ганҷи Хазрову ганҷи Арӯс
Куҷо доштем аз пайи рӯзи бӯс.

Чунин бисту шашсола то сию ҳашт,
Ба ҷуз б-орзу чарх бар мо нагашт.

Ҳама меҳтарон з-он таносон буданд,[2]
Бадандеш яксар ҳаросон буданд.[3]

Кунун[4] чун шунидам, зи фармони ту
Чаҳонро бад омад зи паймони ту.

Намонад кас андар ҷаҳон ромишӣ,
Набояд[5] гузидан ҷуз[6] аз хомушӣ.

Ҳаме кард хоҳӣ чаҳон пургазанд,
Пур аз дард кореву носудманд.

Ҳаме пургазандон, ки назди туанд,
Ки тирашабон урмузди туанд.

1. Л – Ба фарҷом
2. Л – шуданд,
3. Л – шуданд.
4. ИЛ – Чунон
5. Л – Наёрад
6. Л – кас

www.sattor.com

Ҳаме дод хоҳанд тахтат ба бод,
Бад-он то набошӣ ба гетӣ ту шод.

Чу будӣ хирадманд наздики ту,
Ки равшан шудӣ ҷони торики ту,

Ба додан набудӣ касеро зиён,
Ки ганҷе расидӣ ба арзониён.

Аё пури камрӯзи андакхирад,
Равонат зи андеша ромиш барад.

Чунон дон, ки ин ганҷи мо пушти туст,
Замона кунун пок дар мушти туст.

Ҳам ороиши подшоҳӣ бувад,
Ҷаҳон бедирам дар табоҳӣ бувад.

Шавад бедирам шоҳ бедодгар,
Тиҳидастро нест ҳушу ҳунар.

Ба бахшиш набошад варо дастгоҳ,
Фусусӣ бихонад бузургаш,[1] на шоҳ.

В-ар эдун, ки аз ту ба душман расад,
Ҳама бут ба дасти бараҳман расад.

Зи Яздон парастанда безор гашт,
Аз ӯ ному овози ту хор гашт.

Чу беганҷ бошӣ, наёбӣ сипоҳ,
Туро зердастон нахонанд шоҳ.

Саг он беҳ, ки хоҳандаи нон бувад,
Чу сераш кунӣ, душмани ҷон бувад.

Дигар он ки гуфтӣ зи кори сипоҳ,
Ки дар бумҳо барнишондам ба роҳ,

1. Л – Фусусиш хонанд мардум,

www.sattor.com

Зи бедонишит он[1] наёмад писанд,
Надонӣ ҳаме роҳи суд аз[2] газанд.

Чунин аст посух, ки аз ранҷи ман
Фароз омад ин номвар ганҷи ман.

Зи бегонагон шаҳрҳо бистадем,
Ҳама душманонро ба ҳам барзадем.

Бад-он, то ба ором бар тахти ноз
Нишинем беранҷу гурму гудоз.

Саворон пароканда кардам ба марз,
Падид омад акнун зи ноарз арз.

Чу аз ҳар сӯе бозхонӣ сипоҳ,
Кушода бубинад бадандеш роҳ,

Ки Эрон чу боғест хуррамбаҳор,
Шукуфта ҳамеша гули комгор.

Пур аз наргису нору себу биҳӣ,
Чу полиз гардад зи мардум тиҳӣ--

Якояк сипарғам[3] зи бун баркананд,
Ҳамон[4] шохи нору биҳӣ бишкананд.

Сипоҳу силеҳ аст девори ӯ,
Ба парчин-ш-бар найзаҳо хори ӯ.

Агар бифканӣ хира девори боғ,
Чи боғу чи дашту чи дарё, чи роғ.

Нигар, то ту девори ӯ[5] нафканӣ,
Дилу пушти эрониён нашканӣ,

К-аз он пас бувад ғорату тохтан,
Хурӯши саворону кин охтан.

1. Л – ин-т
2. Л – суду
3. Л – Самумаш якояк
4. Л – Ҳама
5. Л – деворҳо

www.sattor.com

Зану кӯдаку буми эрониён
Ба андешаи бад манеҳ дар миён.

Чу соле чунин бар ту-бар бугзарад,
Хирадманд хонад туро бехирад.

Ман эдун шунидам, ки ҷои меҳӣ
Ҳаме мардуми носазоро диҳӣ.

Чунин дон, ки Нӯшинравону Қубод
Ба андарзнома дар ин[1] кард ёд,

Ки ҳар, к-ӯ силеҳаш ба душман диҳад,
Ҳаме хештанро ба куштан диҳад,

Ки чун боз хоҳад, к-аш ояд ба кор,
Бадандеша бо ӯ кунад корзор.

Дигар он ки додӣ зи қайсар паём,
Маро хондӣ дудилу хешком.

Суханҳо на аз ёдгори ту буд,
Ки гуфтори омӯзгори ту буд.

Вафо кардани ӯву аз мо[2] ҷафо,
Ту худ кай шиносӣ ҷафо аз вафо!

Бад-он посух ин ояд, эй камхирад!
Нагӯям ҷуз ин низ к-андархурад.

Ту даъво кунӣ ҳам, ту бошӣ гуво,
Чунин марди бихрад надорад раво.

Чу қайсар зи гарди бало рух бишуст,
Ба мардӣ чу Парвиз домод ҷуст.

Ҳар он кас, ки гетӣ ба бад наспарад
Ба мағз - андараш ҳеч бошад хирад.

1. Л – чунин
2. ИЛ – кардан аз мову аз вай

www.sattor.com

Бидонад, ки Баҳром баста миён,
Або ӯ яке гашта эрониён.

Ба Румӣ сипоҳаш[1] нашояд шикаст,
Наёбад равон рег бар кӯҳ даст.[2]

Бад-он разм Яздон маро ёр буд,
Сипоҳи ҷаҳон пеши ман[3] хор буд.

Шуниданд эрониён, он чи буд,
Туро низ аз эшон бибояд шунуд.

Маро низ чизе, ки боист кард,
Ба ҷои Ниётус рӯзи набард,

Зи хубиву аз мардумӣ кардаам.
Ба подоши он рӯз бишмурдаам.

Бигӯяд туро Зодфаррух ҳамин,
Ҷаҳонро ба чашми ҷавонӣ мабин.

Гашасп он, ки буд низ ганҷури мо,
Ҳам он мӯбади покдастури мо,

Ки аз ганҷи мо бадра буд се ҳазор,
Ки додам бад-он румиён ёдгор.

Ниётусро мӯҳра додам ҳазор
Зи ёқути[4] сурх, аз дари[5] гӯшвор.

Кучо санги ҳар мӯҳрае буд ҳазор,
Зи мисқоли ганҷӣ чу кардам шумор.[6]

---

1. Л – сипоҳе
2. Л – ҷанги полуда баст.
3. Л – мо
4. И – Ҳамон зарри
5. Л – Ҳамон зарри сурху ҳамон
6. ТПИМ – Ҳамон ҷома дебои чинӣ ҳазор,
Аз ӯ панҷ зарбафти гавҳарнигор.
Мар он ҳар якеро дирам сад ҳазор
Бидодӣ баҳо марди парҳезгор.

www.sattor.com

Ҳамон дурри хуш-об бугзида[1] сад,
К-аз[2] ӯ марди доно надид эч бад.

Ки ҳар гавҳареро дирам сӣ[3] ҳазор
Бидодӣ баҳо[4] марди гавҳаршумор.

Сад аспи гаронмоя, панҷаҳ ба зин
Ҳама карда аз охури мо гузин.

Дигар[5] вижа бо ҷулли дебаҳ буданд,
Ки дар дашт бо бод ҳамраҳ шуданд.[6]

Ба наздики қайсар фиристодам ин,
Пас аз хоста хондам офарин.

Зи дори Масеҳо, ки гуфтӣ сухан,
Ба ганҷ - андар афканда чӯбе куҳан.

Набуд з-он маро ҳеҷ суду зиён,
Зи тарсо шунидӣ ту овози он.

Шигифт омадам з-он, ки чун қайсарӣ,
Сарафроз мардиву кундоварӣ.

Ҳамон гирд бар гирди он бихрадон,
Ҳама файласуфону ҳам[7] мӯбадон,

Ки Яздон чаро хонад он куштаро,
Гар ин хушк чӯби табаҳгаштаро.

Гар он дори бекор Яздон будӣ,
Сари моҳро урмузд он будӣ.

Бирафтӣ худ аз ганҷи мо ногаҳон,
Масеҳо шуд ӯ нестӣ дар ҷаҳон.

1. Л – бад-ин гуна пурдурри хуш-об
2. Л – дар
3. Л – Ҳуққесро чу панҷоҳ.
4. Л – дирам
5. Л – Ҳама
6. буданд.
7. ИЛ – файласуфу раду

www.sattor.com

Дигар он ки гуфтӣ, ки пӯзиш бигӯй,
Кунун тавба кун, роҳи Яздон биҷӯй.

Варо посух ин буд, ки резанда бод
Забону лабу дасту пои Қубод!

Маро тоҷ Яздон ба сар барниҳод,
Пазируфтаму будам аз тоҷ[1] шод.

Ба Яздон супурдам, чу ӯ боз хост,[2]
Надонам, забон дар даҳонат чарост![3]

Ба Яздон бигӯям, на бо кӯдаке
Ки нашносад ӯ бад зи нек[4] андаке.

Ҳама кори Яздон писандидаам,
Ҳамон шӯру талхе басе дидаам.

Маро буд шоҳӣ сию ҳашт сол,
Кас аз шаҳрёрон набудам ҳамол.

Касе к-ин ҷаҳон дод, дигар диҳад,
На бар ман[5] сипосе ҳаме барниҳад.

Бад-ин подшоҳӣ кунам офарин,
Ки обод бодо ба доно[6] замин!

Чу Яздон бувад ёру фарёдрас,
Наёзад ба нафрини мо ҳеҷ кас.[7]

Бад-он кӯдаки тезу нодон бигӯй,
Ки моро кунун тира гашт обрӯй,

Ки падруд бодӣ ту то ҷовидон,
Сару кори мо бод бо бихрадон!

1. Л – дод
2. Л – супурдем, чун боз хост,
3. Л – чӣ хост.
4. Л – неку бад
5. Л – кас
6. Л – дорад ба дониш
7. ТПЗ – Ба Харрод гуфт он замон шаҳрёр,
Ки «эй аз радони ҷаҳон ёдгор».

www.sattor.com

Шумо, эй гиромӣ фиристодагон,
Сухангӯю пурмоя озодагон!

Зи ман ҳар ду падруд бошед низ,
Сухан ҷуз шунида магӯед чиз.

Кунам офарин бар ҷаҳон сарбасар,
Ки ӯро надидам ба ҷуз бар гузар.

Бимирад касе, к-ӯ зи модар бизод,
Зи Хусрав, ки ёд оварӣ, ёд бод.

Чу Ҳушангу Таҳмурасу Ҷаммшед,
К-аз эшон ҷаҳон шуд ба биму умед,

Ки деву даду дом фармон-ш бурд,
Чу рӯзи дарозаш саромад, бимурд.

Фаридуни фаррух, ки ӯ аз ҷаҳон
Бадӣ дур кард ошкору ниҳон.

Зи бад дасти Заҳҳоки тозӣ бубаст,
Ба мардӣ зи чанги замона нараст.

Чу Ораш, ки бурдӣ ба фарсанг тир,
Чу Пирӯз, Қоран-яли шергир.

Қубод он ки омад зи Албурзкӯҳ,
Ба мардӣ ҷаҳондор шуд бо гурӯҳ,

Ки аз обгина ҳаме хона кард,
В-аз он хона гетӣ пурафсона кард.[1]

Ҳама дурри хушшоб буд пайкараш,
Зи ёқути рахшанда будӣ дараш.

Сиёваш ҳамон номдори ҳизабр,
Ки куштаст рӯзи ҷавонӣ ду бабр.

1. ТПЗ – Ҳамон низ Ковуси зӯрозмой,
Ки бигрифт гетӣ ба тадбиру рой.
Ҳамон шуд сӯи ин баланд осмон,
Ки огаҳ набуд ӯ зи гашти замон.

www.sattor.com

Кучо Гангдиж кард чое ба ранч
В-аз он ранчи дида[1] надид эч ганч.[2]

Кучо Рустаму Золу Исфандёр,
К-аз эшон сухан мондамон ёдгор.[3]

Чу Гударзу ҳафтод пури гузин,
Саворони майдону шерони кин.

Чу Гуштосп шоҳе, ки дини беҳӣ
Пазируфту з-ӯ тоза шуд фарраҳӣ.[4]

Чу Ҷомосп, к-андар шумори сипеҳр
Фарӯзандатар буд зи гарданда меҳр.[5]

Шуданд он бузургону донандагон,[6]
Саворони ҷангиву хонандагон,[7]

Ки андар ҳунар аз он беҳ будӣ,
Ба сол он яке аз дигар меҳ будӣ,

Бипардохтанд ин ҷаҳони фарох,
Бимонданд айвону майдону кох.

Зи шоҳон маро низ ҳамто набуд
В-агар солро чанд боло набуд

---

1. Л – бурдан
2. ТПЗ – Кучо шуд шаҳи турк–Афросиёб,
   Ки дигар чун ӯ кас набинад ба хоб.
3. ТПЗ – Чу Кайхусрави шери озодмард
   Кучо шер бигрифт андар набард.
4. ТПЗ – Кучо рафт Искандари номвар,
   К-аз ӯ гашт иқлим зеру забар.
5. ТПЗ – Ҳамон номвар шоҳ Баҳроми Гӯр,
   Ки чун ӯ набуд кас ба мардиву зӯр.
   Ба бахшандагӣ шаҳ чу ӯ худ набуд,
   Наёраст гардун сарашро бисуд.
   Ниёи ман, он моҳи равшанравон,
   Ҷаҳондор-Кисрои Нӯшервон,
   Кучо шуд чилу ҳафт шоҳи ҷаҳон,
   Ҳама кори эшон шуд андар ниҳон.
6. Л – фарзонагон,
7. Л – мардонагон,

www.sattor.com

Ҷаҳонро сипардам ба неку ба бад,
Намондам, ки рӯзе ба ман бад расад.

Басе роҳи душхор бигзоштам,
Басе душман аз пеш бардоштам.

Ҳама бумҳо пур зи ганҷи ман аст,
Куҷо обу хок аст, ранҷи ман аст.

Чу з-ин гуна бар ман сар омад ҷаҳон,
Ҳаме тира гардад умеди меҳон.

Намонад ба фарзанди ман низ тахт,
Бигардад зи тахту сар ояд-ш бахт.

Фаришта биёяд яке ҷонситон,
Бигӯям бад-ӯ: «ҷонам осон ситон».

Ба тавба дили рост равшан кунам,[1]
Беозории хеш ҷавшан кунам.[2]

Дуруст аст гуфтори хонандагон,[3]
Ҷаҳондидаву пок донандагон,

Ки чун бахти бедор гирад нишеб,
Зи ҳар гунае дид бояд ниҳеб.

Чу рӯзи меҳӣ бар касе бугзарад,
Агар бозхонад, надорад хирад.

Паёми ман ин аст сӯи ҷаҳон,
Ба назди меҳону ба назди кеҳон.

Шумо низ падруд бошеду шод,
Зи ман низ бар бад магиред[4] ёд.[5]

1. ИЛ – кунем,
2. ТПЛИ – Гузаштан чу бар Чинвар пул бувад,
Ба зери пай- андар ҳама гул бувад.
3. ИЛ – фарзонагон.
4. ИЛ – ҳаргиз нагиред
5. ТПЗ – Басе барнаёяд бад-ин рӯзгор,
Ки он шоҳу он лашкари номдор.
Ҳама якдигарро ба куштан диҳад,
Ба буму ба бар оташ андарзанад.

www.sattor.com

Чу Аштоду Харроди Барзини гав
Шуниданд пайғоми[1] он пешрав,

Ба пайкон дили ҳарду доно бихаст,
Ба сар барзаданд он замон ҳар ду даст.

Зи гуфтор ҳар ду пушаймон шуданд,
Тапонча ба рухсорагон барзаданд.

Ба бар-бар ҳама ҷомашон чок буд,
Сари ҳарду доно пур аз хок буд.

Бирафтанд гирён зи пешаш бадар,
Пур аз дард дил, пур зи андӯҳ сар.

Ба наздики Ширӯй рафт он ду мард
Пурожанг рухсору дил пур зи дард.

Якояк бидоданд пайғоми шоҳ
Ба Ширӯйи бемағзу бедастгоҳ.

АФСӮС ХӮРДАНИ ШИРӮЯ БАР ХУСРАВИ ПАРВИЗ ВА НОХУШ ШУДАНИ САРДОРОН АЗ ОН

Чу бишнид Ширӯй, бигрист сахт,
Дилаш гашт тарсон аз он тоҷу тахт.

Чу аз пеш бархостанд он гурӯҳ,
Ки ӯро ҳаме доштандӣ сутӯҳ.

Ба гуфтори зишту ба хуни падар
Ҷавонро ҳаме сӯхтандӣ ҷигар.

Падар кушта гардад ба дасти писар,
Писар ҳам бад-он сон ба дасти падар.
Бадандеши мо он куҷо гуфт, кард,
Зи кирдори нохубу овои сард.
Чу мо рафта бошем, кайфар баранд,
На бас рӯзгор аз ҷаҳон барх(в)аранд.
Чу бар мо сар омад шаҳиву меҳӣ,
Чи Ширӯ, чи дигар ба шоҳаншаҳӣ.

1. Л – гуфтори

www.sattor.com

Фуруд омад аз тахти шоҳӣ Қубод,
Ду дасти гиромӣ ба сар барниҳод.[1]

Зи мижгон ҳаме бар бараш хун чакид,
Чу огоҳии он ба лашкар[2] расид,

Аз он гиряву зории шаҳрёр,
Шуданд он ҳама лашкараш тарсгор.

Ба як ҷой яксар ба гирд омаданд,
Зи Хусрав ҳаме достонҳо заданд.

Ки Парвиз агар барнишинад ба гоҳ,
Вувад дор ҷои сарони сипоҳ.

Чу барзад сар аз тиракӯҳ офтоб,
Бадандешро сар баромад зи хоб.

Бирафтанд яксар сӯи боргоҳ,
Чу бишнид, биншаст бар тахт шоҳ.

Бирафтанд гарданкашон пеши ӯ,
Зи гурдони бегонаву хеши ӯ.

Нишастанд бо рӯи карда дижам,
Забоншон наҷунбид бар бешу кам.[3]

Бад-эшон чунин гуфт, к-«он шаҳрёр,
Куҷо бошад аз пушти парвардгор,

Ки ғамгин набошад ба дарди падар,
Нахонам-ш ҷуз бадтану бадҳунар.

Набояд, ки дорад бад-ӯ кас умед,
Ки ӯ пудатар бошад аз пудабед».

---

1. ТПМ – Аз он ғам фуру монд аз хӯрду хоб,
Зи андӯҳи Хусрав ду дида пуроб.
2. ИЛ – душман
3. ТПИЛМ – Бидонист, к-эшон бар он сон дижам
Нишаста чароянд бо дарду ғам.

www.sattor.com

Чунин ёфт посух: «Зи марди гуноҳ,
Ки ҳар кас, ки гӯяд, парастам ду[1] шоҳ.

Ту ӯро ба дил ноҳушивор хон.
В-агар арҷманде шавад,[2] хор дон».

Чунин дод Ширӯй посух, ки «шоҳ
Чу беганҷ бошад, наёбад сипоҳ.

Сухан чарб ронем як моҳ низ,
Зи роҳи дуруштӣ нагӯем чиз.

Магар шод бошем з-андарзи ӯй,
Ки ганҷ аст сартосар ин марзи ӯй».

Чу посух шуниданд, бархостанд,
Сӯи хонаҳо рафтан оростанд.

Ба холигарон шоҳ-Ширӯй гуфт,
Ки «чизе зи Хусрав нашояд[3] нуҳуфт.

Ба пеши ҳама хони заррин ниҳед,
Хуришҳо бар ӯ чарбу ширин ниҳед».

Баранда ҳаме бурду Хусрав нах(в)ард,
Зи чизе, ки дидӣ ба хон гарму сард.

Ҳама хӯрдаш аз дасти Ширин будӣ,
Ки Ширин ба хӯрдан-ш[4] ғамгин будӣ.[5]

---

1. Л – ки растам зи
2. Л – бувад,
3. И – набояд
4. Л – ба он кор
5. ТПЗ – Набудӣ ҷуз ӯ шоҳро нек ёр,
Ҳам ӯ буд рӯзу шаб андуҳгусор.
Або шоҳ будӣ ба биму умед,
Ки ларзон аз ӯ буд чу аз бод бед.
Баромад бар ин кор як моҳ боз,
Шабу рӯз Хусрав ба дарду гудоз.
Ҳаме ёд кард аз гуноҳу база,
Надонист аз он зиндагонӣ маза.

www.sattor.com

ШЕВАНИ БОРБАД БАР ХУСРАВ

Кунун шевани Борбад гӯш дор,
Сари меҳри меҳтар ба оғӯш дор.[1]

Чу огоҳ шуд Борбад з-он ки шоҳ
Бипардохт нокому берой гоҳ,[2]

Зи Ҷаҳрам биёмад сӯи Тайсафун,
Пур аз об мижгону дил пур зи хун.

Биёмад бад-он хона ӯро бидид,
Шуда лаълрухсори ӯ[3] шанбалид.

Замоне ҳаме буд бар пеши шоҳ,
Хурӯшон биёмад сӯи боргоҳ.[4]

Ҳаме паҳлавонӣ бар ӯ мӯя кард,
Ду рухсораи[5] зарду дил[6] пур зи дард.[7]

Ҳаме гуфт: «Ало, эй радо, Хусраво!
Бузурго, сутурго, диловар гаво!

Куҷот он бузургиву он дастгоҳ,
Куҷот он ҳама фарру бахту кулоҳ!

---

1. И –б. 378 нест.
2. ТПЗ – Ҳаме чора созанд бар куштанаш,
   Сипахро дареғ аст аз бастанаш.
3. И – рухсор чун
4. ТПЗ – Ба дил-ш оташи меҳри ӯ барфурӯхт,
   Зи тимори Хусрав дилу ҷон бисӯхт.
   Биборид чашмаш чу абри баҳор,
   Канораш зи дида чу дарё канор.
   Бисозид навҳа ба овози руд,
   Ба барбат ҳаме мӯя зад бо суруд.
5. ИЛ – рухсора
6. ИЛ – диле
7. ТПИЛМ – Чунон буд, ки зориш бишнид шоҳ,
   Ҳамон кас куҷо дошт ӯро нигоҳ.
   Нигаҳбон, ки буданд, гирён шуданд,
   Чу бар оташи меҳр* бирён шуданд.

   * И – тез

www.sattor.com

Куҷот он ҳама бурзу болову тоҷ!
Куҷо он ҳама[1] ёраву тахти оҷ![2]

Куҷот он шабистону ромишгарон!
Куҷот он дижу боргоҳи сарон!

Куҷот афсару коваёнӣ дирафш!
Куҷот он ҳама теғҳои бунафш!

Куҷот он сарафроз Ҷонусупор!
Ки бо тахти зар буду бо гӯшвор.

Куҷот он сари хӯду заррин зиреҳ!
Зи гавҳар фиканда гиреҳ бар гиреҳ!

Қуҷот аспи Шабдези зарринрикеб,
Ки зери ту андар будӣ ношикеб!

Куҷот он саворони зарринситом,
Ки душман шудӣ теғашонро ниём!

Ҳама гашта аз ҷони ту ноумед,
Куҷот он ҳаюнону пили сапед!

Куҷот он ҳама роҳвор уштурон,
Имории заррину фармонбарон!

Куҷот он сухангӯи ширинзабон,
Куҷот он дилу ройи равшанравон!

Зи ҳар чиз танҳо чаро мондӣ?
Зи дафтар чунин рӯз кай хондӣ?

Мабодо, ки густох бошӣ ба даҳр,
Ки заҳраш фузун омад аз пойзаҳр!

Писар хостӣ, то бувад ёру пушт,
Кунун аз писар бахтат[3] омад ба мушт.

1. ИЛ – Куҷот он биру
2. ТПЗИЛ – Куҷот он ҳама мардиву зӯру* фар.
Ҷаҳонро ҳаме доштӣ зери пар!
* ИЛ - зебу
3. Л – бандат

www.sattor.com

Зи фарзанд шоҳон банерӯ шаванд,
Зи ранҷи замона беоҳу шаванд.

Шаҳаншоҳро фарру нерӯ бикост,
Чу болои фарзанди ӯ гашт рост.

Ҳар он кас, ки ӯ кори Хусрав шунуд,
Ба гетӣ набояд-ш густох буд.

Ҳама буми Эрон ту вайрон шумар,
Куноми палангону шерон шумар.

Сари тухми эрониён[1] буд шоҳ,
Ки чун ӯ набинад касе тоҷу гоҳ.

Шуд ин тухма вайрону Эрон ҳамон,
Баромад ҳама комаи бадгумон.

Фузун з-ин набошад касеро сипоҳ,
Зи лашкар, ки омад-ш фарёдхоҳ.

Газанд омад аз посбони бузург,
Кунун андарояд сӯи рахна гург.

Ба Шируй гӯянд, бешарм шоҳ,
На ин буд сазовори ин пешгоҳ.[2]

Набошад сипоҳи ту ҳам пойдор,
Чу бархезад аз чор сӯ корзор.

Равони туро додгар ёр бод,
Сари бадсиголат нагунсор бод!

Ба Яздону номи ту, эй шаҳрёр,
Ба Наврӯзу Меҳру ба хуррам баҳор.

Агар дасти ман з-ин сипас низ руд
Бисозад, мабодо ба ман-бар дуруд.

1. ИЛ – Сосониён
2. ИЛ –б. 407 нест.

www.sattor.com

Бисӯзам ҳама олати хешро,
Бад-он, то набинам бадандешро».

Бибуррид ҳар чор ангушти хеш,
Бурида ҳаме дошт дар мушти хеш.

Чу дар хона шуд, оташе барфурӯхт,
Ҳама олати хеш яксар бисӯхт.

ХОСТАНИ БУЗУРГОН АЗ ШИРӮЙ МАРГИ ХУСРАВ ВА КУШТА ШУДАНИ Ӯ БА ДАСТИ МЕҲРҲУРМУЗД

Ҳар он кас, ки буд назди он[1] шаҳрёр,
Шабу рӯз тарсон буд аз рӯзгор.

Чу Ширӯй тарсандаву хом буд,
Ҳамон тахт пеш - андараш дом буд.

Бидонист мардумшумар, ҳар кӣ буд,[2]
Ки рӯзи бузургӣ нахоҳад ғунуд.[3]

Бирафтанд ҳар кас, ки бад карда буд,
Бад-он кор тоб андароварда буд.

Зи даргоҳ яксар ба пеши Қубод
Аз он кори бедод карданд ёд,

Ки як бор гуфтему ин дигар аст,
Туро худ ҷуз ин доварӣ дар сар аст.

Нишаста ба як тахти зар-бар ду шоҳ,
Яке гоҳдору яке зергоҳ.

Чу хешӣ физояд падар бо писар,
Ҳама бандагонро бибурранд сар.

Наем андар ин кор ҳамдостон,
Мазан пеши мо з-ин сипас достон.

1. ИЛ – гирд бо
2. Л –дид: И–ахтаршумар ҳар ки дид,
3. Л – К-аз ӯ бар бузургон чӣ хоҳад расид: И – расид.

www.sattor.com

Битарсид Ширӯю тарсанда буд,
Ки дар ҷанги эшон яке банда буд.

Чунин дод посух, ки «шере ба дом
Наёрад магар мардуми зиштном.

Шуморо сӯи хона бояд шудан,
Бад-ин - андарун[1] рой бояд задан.

Биҷӯед, то кист андар ҷаҳон,
Ки ин ранҷ бар мо сар орад ниҳон.

Кушанда ҳаме ҷуст бадхоҳи шоҳ,
Бад-он, то кунандаш ниҳонӣ табоҳ.

Кас андар ҷаҳон заҳраи он надошт,
Зи мардӣ ҳамон баҳраи он надошт,

Ки хуни чунин хусраве рехтӣ,
Ҳаме кӯҳ дар гардан овехтӣ.

Зи ҳар сӯ ҳаме ҷуст бадхоҳи шоҳ,
Чунин то бididанд марде ба роҳ.

Ду чашмаш кабуду ду рухсора зард,
Тане хушку пурмӯву лаб ложвард.

Пур аз хок пою шикам гурсна,
Сари марди бедодгар барҳана.

Надонист кас номи ӯ дар ҷаҳон,
Миёни меҳону миёни кеҳон.

Бари Зодфаррух буд ин[2] марди зишт,
Ки ҳаргиз мабинод хуррам биҳишт!

Чу бишнид бадхӯй аз ӯ достон,
Ба гуфтори ӯ гашт ҳамдостон.[3]

1. ИЛ – Бар ин орзу
2. ИЛ – шуд он
3. ИЛ –б. 425 нест.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт, к-«ин ранҷ кори ман аст,
Чу серам кунӣ, ин шикори ман аст».

Бад-ӯ гуфт: «Рав, гар тавонӣ, бикун
В-аз ин низ макшой лаб дар сухун.

Яке киса динор дорам туро,
Чу фарзанди худ ёр дорам туро».

Яке ханҷари тез бистад чу об,
Биёмад кушанда сабук пуршитоб.

Чу он бадҷаҳиш рафт наздики шоҳ,
Варо дид бо банда дар пешгоҳ.

Биларзид Хусрав, чу ӯро бидид,
Сиришкаш зи мижгон ба рух барчакид.[1]

Бад-ӯ гуфт: «Эй зишт, номи ту чист?
Ки зояндаро бар ту бояд гирист».[2]

«Маро Меҳрҳурмузд хонанд, – гуфт,--
Ғарибам бад-ин шаҳр, бе ёру ҷуфт».

Чунин гуфт Хусрав, ки «омад замон
Ба дасти фурӯмояи бадгумон.

Ба мардум намонад ҳаме чеҳри ӯй,
Ба гетӣ наҷӯяд касе меҳри ӯй».

Яке ридаке пеши ӯ буд ба пой,
Ба ридак чунин гуфт, к-«эй раҳнамой!

Бирав, ташти об ору мушку абир,
Яке поктар ҷомаи дилпазир».

Парастанда бишнид овози ӯй,
Надонист кӯдак ҳаме рози ӯй. –

1. ТПЗЛ – Ҳаме дил гувоҳӣ бидодаш бар он,
Ки омад варо рӯзгори гарон.
2. И – б. 442, 443 нест.

www.sattor.com

Зи пешаш биёмад парастори хурд,
Яке ташти заррин бари шоҳ бурд.

Або ҷомаву обдастону об
Ҳаме кард Хусрав ба бурдан шитоб.

Чу барсам бидид, андаромад ба бож,
На гоҳи сухан буду гуфтори жож.

Чу он ҷомаҳоро бипӯшид шоҳ,
Ба замзам ҳаме тавба кард аз гуноҳ.

Яке чодаре нав ба сар баркашид,
Бад-он то рухи ҷонситонро надид.

Бишуд Меҳрҳурмузд ханҷар ба даст,
Дари хонаи подшоро бубаст.

Сабук рафту ҷома аз ӯ даркашид,
Ҷигаргоҳи шоҳи ҷаҳонро дарид.[1]

Бад-ин гуна гардад ҷаҳони ҷаҳон,
Ҳаме рози хеш аз ту дорад ниҳон.

Сухансанҷи беранҷ агар марди лоф,
Набинад зи кирдори ӯ ҷуз газоф.

Агар ганҷ дориву[2] гар гурму ранҷ,
Намонӣ ҳамон[3] дар сарои сипанҷ.[4]

Беозориву[5] ростӣ баргузин,
Чу хоҳӣ, ки ёбӣ ба дод офарин.

---

1. Л – Пас аз б. 456 ин б. омада:
Зи рою хирад мағзу дил дошт пок,
Чи он ҳушмағзу чу як мушт хок.
2. ИЛ – ёбиву
3. ИЛ – ҳаме
4. Л – Пас аз б. 459 ин б. омада:
Пас ин беҳуда ранҷу ин оз чист,
Ки фарҷом аз марг бояд гирист.
Чу донӣ, ки гетӣ вафодор нест,
Або ҳеҷ кас неккирдор нест.
5. Л – Хирадмандиву

www.sattor.com

Чу огоҳӣ омад ба бозоргоҳ,
Ки Хусрав бар он гуна баршуд табоҳ.

Ҳама бадгумонон ба зиндон шуданд,
Ба айвони он мустамандон шуданд.

Гиромӣ даҳу панҷ фарзанд буд,
Ба айвони шоҳ он ки бо банд буд.

Ба зиндон бикуштандашон бегуноҳ,
Бад-он гаҳ, ки баргашта шуд тахти[1] шоҳ.

Чу бишнид Ширӯй, чанде гирист
В-аз он пас нигаҳбон фиристод бист.

Бад-он то зану кӯдаконшон нигоҳ
Бидорад пас аз марги он кушта шоҳ.

Ҷаҳондор чизе наёраст гуфт,
Ҳаме дошт он андуҳ андар нуҳуфт.

Шуд он подшоҳиву чандон сипоҳ,
Бузургиву мардиву он дастгоҳ,

Ки касро зи шоҳаншаҳон он набуд,
На аз номдорони пешин шунуд.

Хирадманд гӯяд, наёбад баҳо
Ҳар он кас, ки эмин шуд аз аждаҳо.[2]

Ҷаҳонро махон ҷуз диловар наҳанг,
Бихояд ба дандон, чу гирад ба чанг.

---

1. М– бахти
2. Л – Пас аз б. 470 ин б. омада:

Чунон подшоҳиву он дастгоҳ,
Ки андар ҷаҳон дошт Парвизшоҳ.
Чу бугзашту бигзошт ин рӯзгор,
На судаш зи гул, на зиёне зи хор.
Яке гашт бо он ки ноне фарох
Наёбад, набинад бару боғу кох!*

* И – Танҳо ин б. мавҷуд аст.

www.sattor.com

Сар омад кунун кори Парвизшоҳ,
Шуд он номвар тахту ганҷу сипоҳ.[1]

ДОСТОНИ ШИРӮЯ БО ШИРИН, ЗАНИ ХУСРАВИ ПАРВИЗ ВА КУШТА ШУДАНИ ШИРӮЯ

Чу овардам ин рӯзи Хусрав ба бун,
Ба Ширую Ширин кушоям сухун.[2]

Чу панҷоҳу се рӯз бугзашт аз ин,
Ки шуд кушта он шоҳи боофарин,

Ба Ширин фиристод Ширӯй кас,
Ки «эй римани ҷодувӣ дастрас!

Ҳама ҷодуӣ дониву бадхуӣ,
Ба Эрон гунаҳгортар кас туӣ.

Ба тунбал ҳаме доштӣ шоҳро,
Ба чора фуруд оварӣ моҳро.

Битарс, эй гунаҳкор, назди ман ой,
Ба айвон чунин шоду эмин[3] мапой».

Барошуфт Ширин зи пайғоми[4] ӯй
В-аз он бегунаҳ зишт дашноми[5] ӯй.

---

1. ТПЗЛ – Ҳар он кас, ки дорад зи гетӣ умед,
Чу ҷӯяндахурмост аз шохи бед.
Чӣ пӯӣ бад-ин гуна гум карда роҳ
Ба рӯзи сапеду шабони сиёҳ.
Аз ӯ ҳар чӣ ёбӣ, ба дил кун писанд,
Гар эдун, ки ҷонро нахоҳӣ газанд.
Мадон хештанро ба ҷуз нотавон,
Агар дастрас бошадат як замон.
Ҷавонмардиву ростӣ пеша кун,
Ҳама некуӣ андар андеша кун.
Бибахшу бихӯр, то тавонӣ, дирам,
Ки ҷуз ин, дигар ҷумла дард асту ғам.
Чӣ некӯтар аз мо вафодор дӯст,
Вафодорӣ аз дӯстон бас накӯст.
2. Л – б. 473 нест.
3. Л –хуррам
4. И –гуфтори
5. И – бемаза зишт кирдори

www.sattor.com

Чунин гуфт, к-«он кас, ки хуни падар
Бирезад, мабодош болову фар.

Набинам ман ин бадкунишро зи дур,
На ҳангоми мотам, на ҳангоми сур».

Дабире биёвард андуҳбаре,[1]
Ҳамон сохта паҳлавӣ дафтаре.

Бад-он марди донанда андарз кард,
Ҳама хоста пеши ӯ арз кард.

Ҳаме дошт лахте ба сандуқ заҳр,
Ки заҳраш набоист ҷустан ба шаҳр.

Ҳаме дошт он заҳр бо хештан,
Ҳама[2] дӯхт сарви чаманро кафан,

Фиристод посух ба Ширӯй боз,
Ки «эй тоҷвар, шоҳи гарданфароз!

Суханҳо, ки гуфтӣ ту, барг асту бод,
Дилу ҷони он бадкуниш паст бод!

Куҷо ҷодуӣ дар ҷаҳон, ҷуз ба ном,
Шунудасту будаш аз ин шодком.

В-агар шоҳ аз ин расму андоза буд,
Ки ройи вай аз ҷодуӣ тоза буд.

Ки ҷоду будӣ кас ба мушкуи шоҳ.[3]
Ба дида бидидӣ ҳаме рӯи шоҳ.[4]

Маро аз пайи фаррахӣ доштӣ,
Ки шабгир чун хашм нагмоштӣ.

Зи мушкуи заррин маро хостӣ,
Ба дидори ман ҷон биёростӣ.

1. Л – андуҳваре.
2. Л– Суман
3. ИЛ –ӯ,
4. ИЛ – ҳамон рӯи ӯ.

www.sattor.com

Зи гуфтори чунин сухан шарм дор,
Набояд сухан каж бари шаҳрёр.

Зи додори некидиҳиш ёд кун,
Ба пеши - кас андар магӯ ин сухун».

Бибурданд посух ба наздики шоҳ,
Барошуфт Ширӯй аз он бегуноҳ.

Чунин гуфт, к-«аз омадан чора нест,
Чу ту дар замона суханхора нест».[1]

Чу бишнид Ширин, пур аз дард гашт,
Бупечид, ранги рухаш зард гашт.

Чунин дод посух, ки «назди ту ман
Наёям магар бо яке анҷуман,

Ки бошанд пеши ту донандагон,
Ҷаҳондидаву чизхонандагон».

Фиристод Ширӯй панҷоҳ мард,
Биёвард донандаву солх (в)ард.

В-аз он пас ба Ширин фиристод кас,
Ки бархезу пеш ою гуфтор бас».

Чу Ширин шунид он, кабуду сиёҳ
Бипӯшиду омад ба наздики шоҳ.

Бишуд тез то гулшани Шодагон,
Ки буд ҷои гӯянда озодагон.

Нишаст аз паси пардаи подшо,
Чунон чун бувад мардуми порсо.

Ба наздики ӯ кас фиристод шоҳ,
Ки аз сӯги Хусрав даромад ду моҳ.

---

1. ТПЗЛ – Биёю сари тоҷи моро бубин,
Агар ҳаст зебанда, кун офарин.

www.sattor.com

Кунун ҷуфти ман бош, то бар х(в)арӣ,
Бад-он то бари[1] кеҳтаре нангарӣ.

Бидорам туро ҳам ба сони падар
В-аз он низ номитару хубтар.

Бад-ӯ гуфт Ширин, ки «додам нахуст
Бидеҳ, в-он гаҳе ҷони ман пеши туст.

Аз он пас наёсоям аз посухат,
Зи фармону рою дили фаррухат».

Бад-он гашт Ширӯй ҳамдостон,
Ки баргӯяд он хубрух достон.

Зани меҳтар аз парда овоз дод,
Ки «эй шоҳ, пирӯз бодиву[2] шод![3]

Ту гуфтӣ, ки ман бад зану ҷодуям,
Зи покиву аз ростӣ як суям».

Бад-ӯ гуфт Ширӯй: «Буд инчунин,
Зи тезӣ ҷавонон нагиранд кин».

Чунин гуфт Ширин ба озодагон,
Ки буданд дар гулшани Шодагон,

Ки «аз ман чӣ дидӣ шумо аз бадӣ,
Зи ториву кажживу нобихрадӣ?

Басе сол бонуи Эрон будам,
Ба ҳар кор пушти далерон будам.

Наҷустам ҳамеша[4] ҷуз аз ростӣ,
Зи ман дур буд кажживу костӣ.[5]

1. Л – сӯи
2. Л – бошиву
3. И – род.
4. И–ба гетӣ
5. Л –Пас аз б. 517 ин б. омада:

Худованд донад зи рози ҷаҳон,
Ки ӯ донад аз ошкору ниҳон.
К-аз он гаҳ, ки дар пардаи Хусравам,
На бар бад ғунудам, на ҳам биғнавам.

www.sattor.com

Басе кас ба гуфтори ман шаҳр ёфт,
Зи ҳар гунае[1] аз ҷаҳон баҳр ёфт.

Ба Эрон кӣ дид аз буна соям
В-агар сояи тоҷу пероям?

Бигӯяд ҳар он кас, ки диду шунид,
Ҳама кор аз ин посух ояд падид».

Бузургон, ки буданд дар пеши шоҳ,
Зи Ширин ба хубӣ намуданд роҳ.

Ки чун ӯ касе[2] нест андар ҷаҳон,
Чи бар ошкоро, чи андар ниҳон.

Чунин гуфт Ширин, ки «эй меҳтарон,
Ҷаҳондидаву коркарда сарон!

Ба се чиз бошад занонро беҳӣ,
Ки бошанд зебои тахти меҳӣ.

Яке он ки бо шарму бо хостаст,
Ки ҷуфташ бад-ӯ хона оростаст.

Дигар он ки фаррух писар зояд ӯй,
Зи шӯи хуҷаста бияфзояд ӯй.

Севум он ки болову рӯяш бувад,
Ба пӯшидагӣ низ мӯяш бувад.

Бад-он гаҳ, ки ман ҷуфти Хусрав шудам,[3]
Ба пайвастагӣ[4] дар ҷаҳон нав шудам.[5]

Чу бекому бедил биёмад зи Рум,
Нишасташ набуд андар ин марзу бум.

Аз он пас бад-он комгорӣ расид,
Ки кас дар ҷаҳон он надиду шунид.

---

1. Л – Ба ҳар порае
2. ИЛ – зане
3. Л – будам
4. Л – пӯшандагӣ
5. Л– будам.

www.sattor.com

В-аз ӯ низ фарзандам омад ҷаҳор,
Бад-эшон чунон шод буд шаҳрёр--

Чу Настуру чун Шаҳрёру Фуруд,
Чу Мардоншаҳ, он тоҷи чархи кабуд.

Зи Ҷамму Фаридун чу эшон назод,
Забонам мабод, ар бупечам зи дод».[1]

Бигуфт ину букшод чодар зи рӯй,
Ҳама рӯй моҳу ҳама пушт мӯй.

Се дигар чунин аст рӯям, ки ҳаст,
Яке гар дурӯғ аст, бинмой даст.

Маро аз ҳунар муй буд дар ниҳон,
Ки онро надидӣ кас андар ҷаҳон.

Намудам ҳама пешат ин ҷодуӣ,
На аз тунбалу макру аз бадхуӣ.

На кас мӯи ӯ пеш аз ин дида буд,
На аз меҳтарон низ бишнида буд.

Зи дидор пирон фурӯ монданд,
Хаю зери лабҳо барафшонданд.

Чу Ширӯй рухсори Ширин бидид,
Равони ниҳонаш зи тан барпарид.[2]

Варо гуфт: «Ҷуз ту набояд касам,
Чу ту ҷуфт ёбам зи Эрон басам».[3]

Зани хубрух посухаш дод боз,
Ки аз шоҳи Эрон наям бениёз.

1. ТПЗ – Ки ҳар чор акнун ба хок андаранд,
Гурозон ба минуи пок андаранд.
2. ТПЗЛ – Чунон хира монд андар он чеҳри ӯй,
Ки шуд дил-ш оганда аз меҳри ӯй.
3. ТПЗЛ – Наёям бурун ман зи фармони ту,
Нигорам абар дида паймони ту.

www.sattor.com

Ду ҳоҷат бихоҳам, ки фармон диҳӣ,
Ки бар ту бимонад шоҳаншаҳӣ.

Бад-ӯ гуфт Ширӯй: «Ҷонам турост,
Дигар орзу ҳар чӣ хоҳӣ, равост».

Бад-ӯ гуфт Ширин, ки «ҳар хоста,
Ки будам, бар ин кишвар ороста--

Аз ин пас супорӣ якояк ба ман,
Ҳама пеши ин номдор анҷуман.

Бад-ин нома - андар занӣ хатти хеш,
Ки безорам аз чиз в-аз камму беш»,

Бикард, ончи фармуд Ширӯй зуд,
Зан аз орзуҳо чу посух шунуд.

Ба роҳ[1] омад аз гулшани Шодагон,
Зи пеши бузургону озодагон.

Ба хона шуду банда озод кард,
Бад-он хоста бандаро шод кард.

Дигар ҳарчи будаш, ба дарвеш дод,
Бад-он к-ӯ варо хеш буд, беш дод.

Бубахшид чанде ба оташкада,
Чи бар[2] ҷои Наврӯзу ҷашни Сада,

Дигар бар куноме, ки вайрон будӣ,
Работе, ки ороми шерон будӣ--

Ба музди ҷаҳондор Хусрав бидод,
Ба некӣ равони варо кард шод.

Биёмад бад-он боғу букшод рӯй,
Нишаст аз бари хоки берангу бӯй.

---

1. Л –Бурун
2. Л –Ҳамон

www.sattor.com

Ҳама бандагонро бари хеш хонд,
Мар он ҳар якеро ба хубӣ нишонд.

Чунин гуфт аз он пас ба бонги баланд,
Ки «ҳар кас ки ҳаст, аз шумо арҷманд!

Ҳама гӯш доред гуфтори ман,
Набинад касе низ дидори ман![1]

Магӯед яксар ҷуз аз ростӣ,
Наёяд зи донандагон костӣ,

К-аз он пас, ки ман пеши Хусрав шудам,
Ба мушкуи заррини ӯ нав шудам.

Сари бонувон будаму фарри шоҳ,
Аз он пас чӣ пайдо шуд аз ман гуноҳ?

Набояд сухан ҳеҷ гуфтан ба рӯй,
Чи рӯй ояд[2] андар зане чораҷӯй».

Ҳама яксар аз ҷой бархостанд,
Забонҳо ба посух биёростанд.

Ки «эй номвар, бонуи бонувон,
Сухангӯву донову равшанравон!

Ба Яздон, ки ҳаргиз туро кас надид,
На низ аз паси парда обо шунид.

Ҳамоно зи ҳангоми Ҳушанг боз
Чу ту низ наншаст бар тахти ноз».

Ҳама ходимону парастандагон,
Ҷаҳонҷӯву бедордил бандагон.

Ба овоз гуфтанд, к-«эй сарфароз!
Ситуда ба Чину ба Руму Тароз.

1. ТПЗЛ – Битарсед аз довари додхоҳ,
Фурӯзандаи ахтару ҳуру моҳ.
2. Л – рӯ бояд

www.sattor.com

Кӣ ёрад сухан гуфтан аз ту ба бад,
Бадӣ кардан[1] аз рӯи ту кай сазад?»

Чунин гуфт Ширин, ки «он бадкуниш,
Ки чархи баландаш кунад сарзаниш.

Падарро бикушт аз пайи тоҷу тахт,
К-аз ин пас ду чашмаш мабинод бахт.

Магар маргро пеш девор кард,
Ки марги падар з-он нишон хор кард.

Паёме фиристод наздики ман,
Ки торик шуд ҷони борики ман.

Бад-он гуфтам, ин бад, ки то[2] зиндаам,
Ҷаҳонофаринро парастандаам.[3]

Падидор кардам ҳама роҳи хеш,
Пур аз дард[4] будам зи бадхоҳи хеш.

Пас аз марги ман бар сари анҷуман
Забонаш магар бад сарояд зи ман».[5]

Зи гуфтори ӯ вижа гирён шуданд,
Ҳам аз дарди Парвиз бирён шуданд.

Чу рафтанд гӯяндагон назди шоҳ,
Шунида бигуфтанд аз он бегуноҳ.

Бипурсид Ширӯй, к-«он некхӯ[6]
Дигар аз чӣ чиз омадаш орзу»[7].

1. Л – гуфтан
2. Л – инро, ки ман
3. Л – ба дил бандаам.
4. Л – Ки пурдард
5. ТП – Ҳар он, к-аз шумо буд банда маро,
Шуд озоду аз ман кушанда маро!
6. Л – эй некхӯй
7. Л – Се дигар, чӣ чиз омадат орзӣ?

www.sattor.com

Фиристод Ширин ба Ширӯй кас,
Ки «акнун яке орзу монду бас.

Кушоям дари дахмаи шоҳ боз,
Ба дидори ӯ омадастам ниёз».

Чунин гуфт Ширӯй, к-ин ҳам равост,
Ба дидори он меҳтар ӯ подшост.

Нигаҳбон дари дахмаро боз кард,
Зани порсо мӯя оғоз кард.

Бишуд, чеҳр бар чеҳри Хусрав ниҳод,
Гузашта суханҳо ҳама кард ёд.

Ҳамон гоҳ заҳри ҳалоҳил бих(в)ард,
Зи ширин равонаш баровард гард.

Нишаста: бари шоҳ пӯшидарӯй,
Ба тан-дар яке ҷома кофурбӯй.

Ба девор пушташ ниҳода,[1] бимурд,
Бимурду зи гетӣ ситоиш бибурд.

Чу бишнид Ширӯй, бемор гашт,
Зи дидори ӯ пур зи тимор гашт.

Бифармуд, то дахма дигар кунанд,
Зи мушку зи кофураш афсар кунанд.

Дари дахмаи шоҳ кард устувор,
Бар ин барнаёмад басе рӯзгор,

Ки Ширӯйро заҳр доданд низ,
Ҷаҳонро зи шоҳон пур омад қафиз.

1. Л – ниҳоду

www.sattor.com

Ба шумӣ бизоду ба шумӣ бимурд,
Ҳамон тахти шоҳон писарро супурд.

Касе подшоҳӣ кунад ҳафт моҳ,
Ба ҳаштум зи кофур ёбад кулоҳ.[1]

Ба гетӣ беҳе беҳтар аз гоҳ нест,
Баде бадтар аз умри кӯтоҳ нест.

Кунун подшоҳии шоҳ Ардашер
Бигӯям, ки пеш омадам ногузир.

1. Л – Пас аз б. 593 ин б. омада:
Кунад гирд бар гардани худ база,
Аз он подшоҳӣ чӣ ёбад маза?!

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ АРДАШЕРИ ШИРӮЙ

Шаш моҳ буд

БАР ТАХТ НИШАСТАНИ АРДАШЕРИ ШИРӮЙ ВА АНДАРЗ КАРДАН БА САРДОРОН

Чу биншаст бар тахт шоҳ Ардашер,
Аз Эрон бирафтанд барнову пир.

Басе номдорони гашта куҳан
Бад-он: то чӣ гуна барояд сухан.[1]

Забон баркушод Ардашери ҷавон,
Чунин гуфт к-«эй кордида гавон!

Ҳар он кас, ки бар тахти шоҳӣ нишаст,
Кушодазабон боду яздонпараст.

Бар оини шоҳони пешин равем,
Ҳамон аз паси фарраи дин равем.

Ба Яздони некидиҳиш ёд бод,
Ҳама кардану кори мо дод бод!

Гаронмоягонро гиромӣ кунам,
Парастандагон низ номӣ кунам.[2]

---

1. ТПЗ – Бари шоҳ биншаста аз ҳар суе,
Ҳамон номдорон ба ҳар паҳлуе.
2. Л – Парастандагонро ҳама баркашем,
Ситамгорагонро ба хун даркашем.
ТПЛМ – Кунам тоза оини Нӯшинравон,
Шавад шод озодагонро равон.
Наёбанд ором аз ман бадон,
Набошам замоне абе мӯбадон.
Зи ман густурад дар ҷаҳон эманӣ.
Ниҳонӣ кунам расми оҳарманӣ.
Сипаҳро ба андоза поя диҳам,
Ба ҳар корашон низ моя диҳам.*
Ба динор эшон кунам шодмон,
Набояд, ки бошад касе бадгумон.
Ҳар он кас, ки уммед дорад ба мо,
Бигӯяд, кунам дар замонаш раво.

www.sattor.com

Ба Парвизи Хусрав супурдам сипоҳ,
Ки аз дод шод асту шодон зи шоҳ.

Ба Эрон чу бошад чун ӯ паҳлавон,
Бимонед шодону равшанравон».

Басе кас ба гуфтораш ором ёфт
В-аз ороми ӯ ҳар касе ном ёфт.

НОХУШ БУДАНИ ГУРОЗ АЗ ПОДШОҲИИ АРДАШЕР ВА БА ЧОРАИ Ӯ КУШТА ШУДАНИ АРДАШЕР БА ДАСТИ ФИРӮЗИ ХУСРАВ

Пас огоҳӣ омад ба сӯи Гуроз,
К-аз ӯ буд Хусрав ба гурму гудоз.

Фиристод гӯяндаеро зи Рум,
Ки дар хок шуд тоҷи Ширӯйи шум,

Ки ҷонаш ба дӯзах гирифтор бод,
Сари дахмаи ӯ нагунсор бод!

Чу Хусрав, ки чашму дили рӯзгор
Набинад чун ӯ низ як шаҳрёр,

Ки моро расид аз вай ин сарварӣ,
Аз ӯ бозгаштам ба фармонбарӣ,

Кӣ донист ҳаргиз, ки сарви баланд
Ба боғ аз гиё ёфт хоҳад газанд?!

Замона фируд орад ӯро зи тахт,
Битобад ба якбора з-ӯ рӯй бахт.[1]

Зи лашкар яке гар зи фармони мо
Бурун ояд аз аҳду паймони мо--
Ҷуз аз куштани ӯ набошад раво,
Чунин аст бодафраи носазо.**

* Л – Пас аз ин б. омада:
Ҳама шаҳри Эрон кунам чун Ирам,
Намонам, ки бошад кас аз ман дижам.

** Л – Пас аз ин б. омада:
Чу доранд фармони моро нигоҳ,
Ба наздики мо ҳасташон дастгоҳ.

1. ИЛ – б. 17 нест.

www.sattor.com

Шавад чархи гарданда бо ӯ ба кин,
Кунад баҳри ӯро ниҳон дар замин.

Бигирад аз ӯ меҳтарӣ ҳуру моҳ,
Ситонад зи шоҳе чунон тоҷу гоҳ.[1]

Чу Ширӯйиро шаҳрёрӣ диҳад,[2]
Ҳама шаҳри Эрон ба хорӣ диҳад.[3]

Набудам ман огаҳ зи Парвизшоҳ,
Зи гуфтори он бадтанон шуд табоҳ.[4]

Чу ӯ рафту шуд тоҷдор Ардашер,
На з-ӯ шод бошанд барнову пир.

Нахоҳам, кӣ бошад чун ӯ шаҳрёр,
Агарчанд бешоҳ шуд рӯзгор,

Ки ӯро басе доварӣ дар сар аст,
Ҳамон рой бо лашкари дигар аст.[5]

Маро гар зи Эрон расад ранҷ баҳр,
Намонам, ки бар вай ҷаҳад бод шаҳр.

Биёям кунун бо сипоҳи гарон,
Зи Руму зи Эрон гузида сарон.

Бубинем, то кист он кадхудой,
Ки бошад писандаш бад-ин гуна рой.

1. Л – б. 19 нест: И –б. 15–19 нест
2. Л – диҳанд,
3. Л –диҳанд.
4. ИЛ –б. 21 нест.
5. И – б.23, 24 нест.

www.sattor.com

Чунон барканам бехи ӯро зи бун,
К-аз он пас наронад зи шоҳӣ сухун.

Наванде барафканд пӯён ба роҳ
Ба наздики пирони эронсипоҳ.

Дигаргуна оҳанг бадкома кард,
Ба Пирӯзи Хусрав яке нома кард,

Ки «шуд тира он тахти шоҳаншаҳон,[1]
Ҷаҳонҷӯй бояд, ки бандад миён.

Тавонӣ, магар чорае сохтан,
Зи ҳар гуна андеша андохтан.

Бичӯӣ басе ёри барнову пир,
Ҷаҳонро бипардозӣ аз Ардашер.[2]

В-аз он пас биёбӣ ҳама коми хеш,
Шавӣ эмину шод аз ороми хеш.

Гар эдун, ки ин роз берун диҳӣ,
Ҳам эдун, ки ин роз берун ниҳӣ.

Ман аз Рум чандон сипоҳ оварам,
Ки гетӣ ба чашмат сиёҳ оварам.

Ба жарфӣ нигаҳ дор гуфтори ман,
Мабодо, ки хор оядат кори ман».[3]

---

1. Л – ин бахти Сосониён.
2. Л – Пас аз б. 33 ин б. омада:
   Чу гардад сару тоҷи ӯ нопадид,
   Чу хоҳем шоҳӣ, тавон баргузид.
3. ТПЗЛ – Набояд, ки гардӣ ба хира ҳалок,
   Зи гоҳи бузургӣ машав зери хок.
   Пушаймонӣ он гаҳ надорад-т суд,
   Чу шамшери ман сар ба кина дуруд.*

* Л – танҳо ин б. ҳаст.

www.sattor.com

Чу Пирӯзи Хусрав чунин нома дид,
Ҳама пешу пас ройи худкома дид.[1]

1. ТПЗЛ – Басе кард андеша дар ин сухан,
Бизад рой бо меҳтарони куҳан,
Ки ин кор пеш омадам ногаҳон,
Шавад ошкоро бар ӯ-бар ниҳон.
Чунин посух омад зи пирон бад-ӯй,
Ки «Эй пурҳунар меҳтари номҷуй!
Гар эдун, ки ин шоҳ гардад табоҳ,
Табаҳ гаштани мо сазад з-ин гуноҳ.
Чунин бад макун ту, ба гуфти Гуроз,
Ҳамон чораи кор некӯ бисоз.
Бикун посухи нома андарх(в)араш,
Аз ин хоб бедор гардон сараш.
Бигӯяш, макун ройи Яздон табоҳ,
Мадеҳ девро бар дили хеш роҳ.
Барандеш аз кори Парвизшоҳ,
Аз он носазовор кори табоҳ.
Чу ӯро фуруд овариди зи тахт,
Шуд аз тухми Сосон ба якбор бахт.
Чу Ширӯй бар тахти шоҳӣ нишаст,
Камар бар миёни каёнӣ бубаст.
Ҳама орзу рӯзи Парвиз буд,
Ки мағзаш ба ҳар корҳо тез буд.
Дигар гашт гетӣ аз он сон, ки буд,
Наёвард аз он мояи кор суд.
Чунон шуд зи беҳуда кори ҷаҳон,
Ки якбора шуд некуиҳо ниҳон.
Кунун то ба ҷои Кубод Ардашер
Ба шоҳӣ нишаст аз фарози сарир.
Ҷаҳон шуд зи авранги ӯ шодмон,
Бинозад зи фарраш замину замон.*
Чӣ бояд, ки арманда гетӣ чунин
Пурошӯб гардад зи дарду зи кин.
Макӯбед дарҳои бадро ба мушт,
На фаррух бувад бегунаҳ шоҳ кушт.
Набояд, ки ин гунбади тезгард
Аз Эрон барорад аз ин кина гард.
Битарсам, ки Яздон бар эрониён
Аз ин бадтариҳо сар орад замон».
Чу Пирӯз бишнид аз ин гуна панд,
Навишт ӯ яке номаи судманд.
Ба назди Гуроз он бади баднажод,
Ки чун ӯ сипаҳбад ҷаҳонро мабод!
Чу огоҳ шуд з-он суханҳо Гуроз,
Ту гуфтӣ касе дил гирифташ ба коз.
Зи Фирӯзи Хусрав барошуфт сахт,
Сипаҳбад баророст ҳар гуна рахт.
Бифармуд лашкар, ки берун шаванд
В-аз он шаҳр яксар ба ҳомун шаванд.
Аз ин огаҳӣ сӯи Фирӯз рафт,
Ҳаюне барафканд Фирӯз тафт.
Ба назди Тухору мар ӯро бихонд,

www.sattor.com

Дили равшани номвар шуд сиёҳ,
Ки то чун кунад бад, бад-он зодшоҳ.[1]

Варо хондӣ ҳар замон Ардашер,
Ки гӯянда марде буду ёдгир.

Баросой[2] дастур будӣ варо,
Ҳамон низ ганҷур будӣ варо.

Биёмад шаби тирагун, бор ёфт,
Майи равшану чарб гуфтор ёфт.

Нишаста ба айвони хеш Ардашер,
Тани чанд бо ӯ зи барнову пир.

Чу Пирӯзи Хусрав биёмад бараш,
Ту гуфтӣ зи гардун баромад сараш.

Бифармуд, то баркашиданд руд,
Шуд айвони ӯ пур зи бонги суруд.

Чу ниме шаби тира андаркашид,
Сипаҳбад зи май як даме[3] баркашид.

Шуда маст ёрони шоҳ Ардашер,
Намонд эҷ ромишгари ёдгир.

Бадандеш ёрони ӯро биронд,
Ба ҷуз шоҳу Пирӯзи Хусрав намонд.

Аз ин-дар суханҳо фаровон биронд.
Зи кори Гурозаш чу дод огаҳӣ
В-аз он кина бо тоҷи шоҳаншаҳӣ.
Ба Фирӯзи Хусрав зи назди Тухор
Чунин посух омад, ки «эй номдор,
Ба хуни бузургони Эрон макӯш,
Сухан ҳар чӣ гӯяд Гуроз, он ниюш.
Чу он нома бинвиштаӣ сӯи ӯй,
Наёяд магар назди ту киначӯй.
Чу Пирӯзи Хусрав чунин нома дид,
Аз андешаи бад дилаш н-орамид.

* Л - б. 10-15 нест.

1. Л – подшоҳ: И – бад чӣ гуна сиголад ба шоҳ.
2. Л – Бад-он сон
3. Л – майи якманӣ.

www.sattor.com

Ҷафопеша аз пеши хона бичаст,
Лаби шоҳ бигрифт ногаҳ ба даст.

Ҳаме дошт, то шуд табоҳ Ардашер,
Ҳама кох шуд пур зи шамшеру тир.

Ҳама ёри Пирӯзи Хусрав буданд,[1]
Агар навҷаҳончӯй, агар гав буданд.[2]

Ҳаюне барафканд назди Гуроз,
Яке номае низ бо он дароз.

Фиристода чун шуд ба наздики ӯ,
Чу хуршед шуд ҷони торики ӯ.

Биёвард аз он бум чандон сипоҳ,
Ки бар мӯру бар пашша барбаст роҳ.

Ҳаме тохт чун бод то Тайсафун,
Сипоҳаш ҳама даст шуста ба хун.[3]

Зи лашкар наёраст дам зад касе,
Набуд худ бад-он шаҳр мардум басе.[4]

1. ИЛ – шуданд,
2. ТПЗ – Варо подшоҳӣ ду маҳ буду чор,
Бад-ин сон зи умраш баромад димор.
3. ТПЛ – Чу овард аз он рӯи Эрон сипоҳ,
Пазира шудандаш бузургон ба роҳ.
4. ТПЗЛ – Гуроз андаромад ба шаҳр-андарун,
На дастурро монду на раҳнамун.
Яке ҷой бугзид холӣ Гуроз,
Нишастанд бо ӯ бузургон ба роз.
Чу букшод Фирӯзи Хусрав забон,
Чунин гуфт, к-«эй номвар паҳлавон!
Киро баргузидӣ ба шоҳаншаҳӣ,
Ки зебанда бошад ба тоҷи меҳӣ?»
Чунин дод посух набарда Гуроз,
Ки «чизе надорем аз Эрон ба роз.
Бубинед фардо яке шоҳи нав,
Нишаста абар гоҳ чун моҳи нав.
Ба дониш бувад мардро обрӯй,
Ба бедонишӣ то тавонӣ, мапӯй.
Сухан хуб гӯяд, чу дорад хирад,
Чу бошад хирад, раста гардад зи бад,
Накӯтар хунар мардро бихрадист.
Ки кори ҷаҳону раҳи эзадист.*
Ба коре ки зебо набошад касе,

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ ФАРОИНИ ГУРОЗ

Панҷоҳ рӯз буд

ТАХТ СИТАДАНИ ГУРОЗ

Фароин чу тоҷи каён барниҳод,
Ҳамегуфт чизе ки омад-ш ёд.

Ҳаме гуфт, шоҳӣ кунӣ як замон
Нишинӣ бар ин тахт-бар шодмон--

Беҳ аз бандагӣ тӯхтан шаст сол,
Бароварда ранҷу фурӯ бурда ёл.[1]

Пас аз ман писар барнишинад ба гоҳ,
Ниҳад бар сар ин хусравонӣ кулоҳ.[2]

Ниҳонӣ бад-ӯ гуфт меҳтар писар,
Ки «акнун ба гетӣ туӣ таҷвар.

Мабош эмину ганҷро чора кун,
Ҷаҳонбон шудӣ, кор якбора кун.

Чу аз тухмаи шаҳриёрон касе
Биёяд, намонӣ ту, эдар басе».[3]

Набояд, ки ёд оварад з-он басе,
Ки худро бад-он хира расво кунад
В-агарчанд кирдори воло кунад.
Чу аз сар хирад рафту аз чашм шарм,
Ҳамон ному нангу ҳамон сарду гарм,
Надорад аз ин хеҷ номард бок,
Чи он мард зинда, чи дар зери хок.**
Ҳама некуӣ пеша кун, гар тавон,
Ки бар кас намонад ҷаҳон ҷовидон.
Ҳама мардумӣ бояд оини ту,
Ҳамон родиву ростӣ дини ту.

* Л – ин б. нест. ** Л – ин б. ва б. пеш аз ин нест.

1. ТПЗЛ – Нишинам ба шоҳӣ ҳаме солиён,
Ҳама пӯшиш аз ҳаззу аз парниён.
2. ТПЗЛ – Ба сони падар шаҳрёре бувад,
Фарозад сару номдоре бувад.
Ҳар он к-ӯ ба мо шодмонӣ кунад,
Абар мардум ӯ комронӣ кунад.
Гаҳи базм дил шодмон, май х(в)арем,
Гаҳи разм бадхоҳро бишкарем.
3. ТПЗ – Зи шоҳӣ ба дил монад андӯҳу дард,
Шавӣ зору бечораву рӯйзард.

www.sattor.com

В-аз ин пас чунин гуфт кеҳтар писар,
Ки «акнун ба гетӣ туӣ тоҷвар.

Сазовори шоҳӣ сипоҳ асту ганҷ,
Чу бо ганҷ бошӣ, намонӣ ба ранҷ.

Фаридун, ки буд Отибинаш падар,
Мар ӯро, ки буд пеши ӯ тоҷвар,

Ҷаҳонбон шудӣ, кор якбора бод,
Ки андар ҷаҳон ӯ буд аз дод шод.

Ба мардиву ганҷ ин ҷаҳонро бидор,
Назояд зи модар касе шаҳрёр».[1]

Варо хуштар омад бад-ин сон сухун,
Ба меҳтарписар гуфт: «Хомӣ макун!..»

Аразро ба девони шоҳӣ нишонд,
Сипаҳро саросар ба даргоҳ хонд.

Шаби тираву рӯз динор дод,
Басе хилъати носазовор[2] дод.

Ба ду ҳафта аз ганҷи шоҳ Ардашер
Намонд аз баҳои яке парри тир.[3]

Ҳамон гаҳ, ки рафтӣ ба май сӯи боғ,
Набурдӣ ба ҷуз шамъи анбар чароғ.

---

1. Л –б. 10–12 нест:
   ТП – Чу фармон маро бошаду тоҷу тахт,
   Бинозад бад-он мардуми некбахт.
   Бияфрӯзад ин баршуда бахти ман,
   Ба кайвон расонад сари тахти ман.
2. Л – босазовор
3. Л – Пас аз б. 16 ин б. омада:
   Ҷаҳонро чунин шоҳ ҳаргиз мабод,
   Ки аз бун надонад зи бедод дод.
   Ҳар он деҳ ки вайрону бебар шавад,
   Дар он чуғд солору меҳтар шавад.
   Чу аз бахти Сосониён хира гашт,
   Дили зердастон ҳама тира гашт.
   Касе, к-ӯ ба некӣ бувад носипос,
   Зи бад рӯзу шаб бошад андар ҳарос.
   Фароин бар ин сон ҳама чанд рӯз
   Ҳаме ронд шоҳии давлат сапӯз.

www.sattor.com

Чу ҳаштод дар пешу ҳаштод пас,
Паси шамъ ёрони фарёдрас.

Ҳамон[1] ташти заррину симин будӣ,
Чу заррин будӣ, гавҳарогин будӣ.

Ҳама шаб будӣ хӯрдан оини ӯ,
Дили меҳтарон пур шуд аз кини ӯ.[2]

Шаби тира ҳамвора гардон будӣ,
Ба полизҳо ё ба майдон будӣ.[3]

Намондаш аз Эрон касе дӯстдор,
Шикаст андаромад бад-он рӯзгор.[4]

Фароин ҳамин ноҷавонмард гашт,
Абе доду бебахшишу х(в)ард гашт.[5]

Ҳаме зарр бар чашм бардӯхтӣ,
Ҷаҳонро ба динор бифрӯхтӣ.

Ҳаме рехт хуни сари бегуноҳ,
Аз он пас барошуфт аз вай сипоҳ.

Ба дашном лабҳо биёростанд,
Ҷаҳоне ҳама марги ӯ хостанд.

Ниҳонӣ ба як ҷой гирд омаданд,
Абар кори ӯ достонҳо заданд.

Шабе тира ҳурмузд Шаҳрон Гуроз
Суханҳо ҳаме гуфт чандон ба роз.

---

1. Л – Ҳама
2. Л – Пас аз б. 20 ин б. омада:
   Ҷуз аз хуфту хезу ҷуз аз хурду бурд
   Надонист он хирасар марди хурд.
   Зи май маст ҳамвора хуфта будӣ,
   Ба дастори Чин сар нуҳуфта будӣ.
3. Л – Пас аз б. 21 ин б. омада:
   Дилозурда з-ӯ гашт лашкар ҳама,
   Пурошӯбу пурдард кишвар ҳама.
4. И –б. 16–22 нест.
5. ТПЗ – Ҷаҳоне зи бедоди ӯ гашт паст,
   Зи дасташ ба сар барниҳода ду даст.

www.sattor.com

Гузида саворе зи шаҳри Ситахр,
Ки он меҳтаронро бад-ӯ буд фахр.

Ба эрониён гуфт, к-«эй меҳтарон,
Шуд ин рӯзгори Фароин гарон!

Ҳаме дорад ӯ меҳтаронро сабук,
Чаро шуд чунин мағзу дилтон тунук?[1]

Ҳама дидаҳо з-ӯ шуда пурсирашк,
Ҷигар барначӯшад якеро зи рашк.[2]

На сосониву на зи тухми каён,
Чаро пеши ӯ баст бояд миён?

Ҳамоно ки дилтон зи бар барбурид
Ва ё заҳра шуд дар шикам нопадид?»[3]

Чунин дод посух бад-ӯ он сипоҳ,
Ки «чун кас намонд аз дари пешгоҳ-

На касро ҳаме ояд аз рашк ёд,
Ки бардорадӣ дил бад-ин баднажод.

Ба ройи ту гаштем ҳамдостон,
Ба гавҳар чӣ донӣ ту аз ростон?

К-аз ин шоҳи девонаи тезмағз
На гуфтори некӯ, на кирдори нағз.[4]

Чӣ гуна раҳонем Эронзамин,
Ки ҳаргиз мабодо бад-ӯ офарин?»

Бад-эшон чунин гуфт Шаҳрон Гуроз,
Ки «ин кори эрониён шуд дароз.

1. Л – Пас аз б. 31 ин б. омада:
Битобид якбора аз дод рӯй,
Аз ин подшоҳӣ шуда рангу бӯй.
Касеро ба наздики ӯ нест об,
Аз ӯ гашт Эрон ба тобу хароб.
2. И – пур зи хун шуд, на пайдо пизишк.
3. И –б. 33–34 нест.
4. Л – б. 38 нест: И – б. 37, 38 нест.

www.sattor.com

Гар эдун, ки бар ман насозед бад,
Кунед он, к-аз озодмардӣ[1] сазад.

Ҳам акнун ба нерӯи Яздони пок
Ман ӯро зи тахт андарорам ба хок».

Чунин ёфт посух аз эрониён,
Ки «бар ту мабодо, ки ояд зиён.

Ҳама лашкар имрӯз ёри туем,
Гарат з-ин бад ояд, ҳисори туем».

Чу бишнид ин гурди хусравпараст,
Ҳаме ҷуст бар шоҳи бемоя даст.

КУШТА ШУДАНИ ФАРОИН БА ДАСТИ ШАҲРОН ГУРОЗ

Биёрост як рӯз пас шаҳрёр,
Шуд аз шаҳр берун зи баҳри шикор.

Або ӯ аз эрониён лашкаре,
Ҳар он кас, ки кеҳ буд, агар меҳтаре.[2]

Фароин барангехт аз ҷой асп,
Ҳаме тохт ҳар сӯ чу Озаргушасп.

Саворон шуда гирд бо шаҳрёр,
Ба нахчир тозон зи баҳри шикор.

Бад-он гаҳ, ки зӣ шаҳр гаштанд боз,
Нигаҳ кард бебок Шаҳрон Гуроз.[3]

Бад-он шоҳи шуму зи таркаш нахуст
Яке тири пӯлодпайкон биҷуст.

1. ИЛ – родмардӣ
2. Л – меҳ буд, ё кеҳтаре.
3. И – б. 45–50 нест.

www.sattor.com

Барангехт аз ҷой аспи сиёҳ,
Ҳаме дошт лашкар мар ӯро нигоҳ.

Камонро биёвард[1] ҳаме даркашид,
Гаҳе бар бару гоҳ бар сар кашид.

Ба бозигарӣ тир бо зеҳ бубаст,
Чу шуд ғарқа пайкон-ш, букшод шаст.

Бизад тир ногоҳ бар пушти ӯ,
Бияфтод тозона аз мушти ӯ.

Ҳама тир то парр дар хун гузашт,
Сари тир[2] аз ноф берун гузашт.[3]

Сипаҳ теғҳо баркашиданд пок,
Баромад шаби тира аз дашт хок.

Ҳама шаб ҳаме ханҷар андохтанд,
Яке аз дигар бознашнохтанд.

Ҳаме ин аз он бистадӣ, он аз ин,
Яке кард нафрин, яке офарин.

Чу пайдо шуд он дебаи зардранг,
Аз ӯ кӯҳ шуд ҳамчу пушти паланг.

Зи лашкар басе куштаву[4] кӯфта,
Савору сипаҳбад ҳам ошуфта.[5]

---

1. М – ба бозу
2. ИЛ – оҳан
3. ТПМ – Зи бора бияфтод шаҳ сарнагун,
Равон гашт аз он захми ӯ ҷӯи хун.
Бипечиду барзад яке боди сард
Ба зорӣ бар он хоки тира зи дард.
4. Л – Басе хаста буду басе
5. И – б. 61 нест: Л – барошуфта.

www.sattor.com

Пароканда шуд он сипоҳи бузург,
Чу мешон, ки ёбанд ногоҳ гург.

Фаровон бимонданд бе шаҳрёр,
Наёмад касе тоҷро хостор.[1]

Бичустанд фарзанди шоҳон басе,
Надиданд аз он номдорон касе.[2]

---

1. И–б. 63 нест.
2. Л – Пас аз б. 64 ин б. омада:

Бикун кори гетӣ ба Яздон яла,
Нашояд-т кардан зи гардун гила.
Ки ҳарч-андар ӯ ҳаст, ояд падид,
Чунон гардад ӯ к-Эзадаш офарид.
Зи неку зи бад чарх огоҳ нест,
Сӯи кинаи ӯ туро роҳ нест.
Ҳама неку бадро фиребанда дон,
Худовандро роду донанда дон.
Туро н-аз пайи ин ҷаҳон офарид,
Зи ҷону хирад мар туро ин сазид.

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ ПӮРОНДУХТ

Шаш моҳ буд

БАР ТАХТ НИШАСТАНИ ПӮРОНДУХТ ВА КУШТАНИ Ӯ ПИРӮЗИ ХУСРАВРО ВА СИПАРӢ ШУДАНИ РӮЗГОРАШ

Яке духтаре буд Пӯрон ба ном,
Чу зан шоҳ шуд, корҳо гашт хом.[1]

Бар он тахти шоҳиш биншонданд,
Бузургон бар ӯ гавҳар афшонданд.

Чунин гуфт пас духти Пӯрон, ки «ман
Нахоҳам парокандани анҷуман.

Касеро, ки дарвеш бошад, зи ганҷ
Тавонгар кунам, то намонад ба ранҷ.

Мабодо зи гетӣ касе мустаманд,
Ки аз дарди ӯ бар ман ояд газанд.

Зи кишвар кунам дур бадхоҳро,
Бар оини шоҳон кунам гоҳро.[2]

Нишоне зи Пирӯзи Хусрав биҷуст,
Биёвард ногоҳ марде дуруст.[3]

---

1. ТП – Ки аз тухми Сосон ҳамон монда буд,
Басе дафтари хусравон хонда буд.
2. Л –Пас аз б. 6 ин б. омада:
Бадонро зи бад даст кӯтаҳ кунам,
Сӯи доду некӣ ҳаме раҳ кунам.
Ба дардам ман аз кушта шоҳ Ардашер,
Кунам чанд бадхоҳро дил ба тир.
3. Л – Пас аз б. 7 ин б. омада:
Ки назди Гуроз аст бедарду ғам,
Нишаста шабу рӯз бо дил дижам.

www.sattor.com

Хабар чун ба наздики Пӯрон расид,
Зи лашкар яке номвар баргузид.[1]

---

1. Л – Пас аз б. 8 ин б. омада:
Куҷо номи ӯ Баҳмани номдор,
Ки пирӯз будӣ гаҳи корзор.
Бад-ӯ дод Пӯрон сипоҳе гарон,
Або тарки румиву баргустувон.
Бипардохт ганҷе пур аз хоста,
Шуд он лашкари гашн ороста.
Ба назди Гуроза фиристодашон,
Басе панду андарзҳо додашон,
Ки гар кушта, гар зинда он ду савор
Ба назди ман оредашон зинҳор.
Чу бишнид ин достонро Гуроз,
Ҳаме лашкари хешро кард соз.
Чу Баҳман сипаҳро ба роҳ оварид,
Ба пеши сипоҳаш сипоҳ оварид.
Гуроз, он бадандеши беному нанг,
Ки бар шаҳрёрон ҷаҳон кард танг.
Баробар ба кина фуруд омаданд,
Бари кӯҳ наздики рӯд омаданд.
Зи ҳар ду сипаҳ хост овои кӯс,
Ҷаҳон шуд зи гарди сипаҳ обнӯс.
Чу он дид Бахман, бурун шуд ба ҷанг,
Гирифта яке теғи ҳиндӣ ба чанг.
Шуд аз бонги он нойи рӯину санҷ
Ҳама гӯшҳо карру дилҳо ба ранҷ.
Бизад маймана ҳамла бар майсара,
Шикаст ӯ ҳама майсара яксара.
Аз эшон саворон фаровон бикушт,
Фаровон зи лашкар намуданд пушт.
Гуроз ончунон дид, болой хост,
Яке ҷавшани меҳтаророй хост.
Ниҳода ба гардан, бурун рафт гурз,
Намуд он бузургӣ зи болои бурз.
Чу Баҳман бидидаш, барангехт асп,
Даромад ба кирдори Озаргушасп.
Яке найза зад бар миёни Гуроз,
Шуд он захми найза миёнро маҳоз.
Зи бод андаровард гурзи гарон
Гуроз, он бадандеши номеҳрубон.
Фурӯ кӯфт бар суфти Баҳман бадард,
Ҷавонмард дарди далерон бих(в)ард.
Яке теғ зад бар бару гарданаш,
Ки то ноф бубрид тира танаш.
Чу шуд кушта бар дасти Баҳман Гуроз,
Сипоҳаш ҳазимат гирифтанд соз.
Ба лашкар чунин гуфт Баҳман: «Дамед!
Бароншон ба хоку ба хун дарниҳед!»
Фиканданд чандон бар он размгоҳ,
Ки аз кушта ҳар сӯ ниҳон гашт роҳ.
Аз эшон фаровон гирифтанд асир,
Чи хаста ба теғу чи хаста ба тир.

www.sattor.com

Бибурданд Пирӯзро пеши ӯй,[1]
Бад-ӯ гуфт, к-«эй бадтани киначӯй!

Зи коре, ки кардӣ, биёбӣ ҷазо,
Чунон чун бувад дархури носазо.

Мукофот ёбӣ зи карда кунун,
Биронам зи андоми ту ҷӯи хун.

Аз охур ҳамон гаҳ яке курра хост,
Ба зин-андарун нуз нобуда рост.

Бубасташ бар он асп-бар ҳамчу санг,
Фиканда ба гардан-дараш полаҳанг.

Чунон курраи тези нодидазин
Ба майдон кашид он худованди кин.

Саворон ба майдон фиристод чанд,
Ба фитрок-бар гирд карда каманд,

Ки то курра ӯро ҳаме тохтӣ,
Замон то замонаш барандохтӣ.

Задӣ хештан ҳар замон бар замин,
Бар он курра-бар буд[2] чанд офарин.

Чунин то бар ӯ-бар бидаррид чарм,
Ҳаме рафт хун аз танаш нарм-нарм.

Саранҷом ҷонаш ба хорӣ бидод,
Чаро ҷӯӣ аз кори бедод дод?![3]

Чу Пирӯзи Хусрав гирифтор шуд,
Сипаҳбад зи андарз безор шуд.
Аз он ҷойгаҳ назди шоҳ омаданд,
Ба айвони Пӯрон зи роҳ омаданд.
Чу Баҳман сару тоҷи Пӯрон бидид,
Абар номи ӯ офарин густарид.
Ба наздики ӯ бурд Пирӯзро,
Дилозор марди ҷигарсӯзро.

1. Л – Чу Пирӯзро шоҳи нав дид рӯй,
2. Л – хонд
3. ТПЗЛ – Ҷуз аз бад набошад мукофоти бад,
Чунин аз раҳи дод додан сазад.

www.sattor.com

Ҳаме дошт ин зан ҷаҳонро ба меҳр,
Наҷаст аз бари хок боди сипеҳр.

Чу шаш моҳ бугзашт аз кори ӯй,
Бибуд ногаҳон кажж паргори ӯй.

Ба як ҳафта бемор буду бимурд,
Або хештан номи некӯ бибурд.

Чунин аст оини чархи равон,
Тавоно ба ҳар кору мо нотавон.[1]

---

1. И – б. 22, 23 нест:
ТПЗЛ – Чи дарвеш бошӣ, чи марди дирам,
Чи афзун бувад зиндагонӣ, чи кам.
Чи бар коми дил комгорӣ бувад,
Чи бар орзу тан ба хорӣ бувад.*
Агар марди ганҷӣ в-агар марди ранҷ,
На ранҷат бувад ҷовидона, на ганҷ.
Чи сад сол шоҳӣ бувад, чи ҳазор,
Чи шасту чи сиву чи даҳ ё чаҳор.
Чу шуд испарӣ, рӯз ҳар ду якест,
Гар афзун бувад сол, гар андакест.
Туро ёр кирдорҳо боду бас,
Ки бошад ба ҳар ҷот фарёдрас **
Раҳо*** кун зи чанг ин сипанҷи сарой,
Ки пурмоятар з-ин туро ҳаст ҷой.
Ба**** омӯхтан гар бубандӣ миён,*****
Зи дониш равӣ бар сипеҳри равон.******.

* Л – ин б. нест. ** Л – ин б. нест. *** Л – Яла **** Л – Бар ***** Л – ту меҳр, ****** Л – Ба дониш ҳаме бар шавӣ бар сипеҳр.

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ ОЗАРМДУХТ
Чаҳор моҳ буд

БАР ТАХТ НИШАСТАНИ ОЗАРМДУХТ ВА МУРДАНАШ

Яке дигаре духтар[1] Озарм ном,
Зи тоҷи бузургӣ расида ба ком[2].

Биёмад, ба тахти каён барнишаст,
Гирифт ин ҷаҳони ҷаҳонро ба даст.

Нахустин чунин гуфт, к-«эй бихрадон,
Ҷаҳондидаву коркарда радон!

Ҳама кор бар доду оин кунем,
К-аз ин пас ҳама хишт болин кунем.

Ҳар он кас, ки бошад маро дӯстдор,
Чунонам ман ӯро чу парвардгор.[3]

Касе, к-ӯ зи паймони ман[4] бугзарад,
Бупечад зи оину роҳи хирад--

Бурида сарашро,[5] барорам ба дор,
Зи деҳқону тозиву румишумор.[6]

Ҳаме буд бар тахт-бар чор моҳ,
Ба панҷум шикаст андаромад ба гоҳ.[7]

---

1. ИЛ – духтаре буд,
2. Л – бузургон шуд ӯ шодком: И – бузургон шуда шодком.
3. ТПЗЛ – Мар ӯро ба динор ёрӣ кунам,
   Гунаҳ гар кунад, бурдборӣ кунам.
4. Л – мо
5. Л – Ба хорӣ танашро
6. ТПЛ – Бузургон бар ӯ офарин хонданд,
   Бар он тахт гавҳар барафшонданд.
   Ҳама шаҳри Эрон аз ӯ шодмон,
   Намонд андар Эрон яке бадгумон*.
   Зи Турку зи Руму зи Ҳинду зи Чин
   Мар ӯро будӣ ҳадяву офарин.

   * Л – Пас аз ин б. омада:
   Зи додаш бихӯрд об бо меш гург,
   Ба шоҳӣ бибуд чун Қубоди бузург.
7. ТПМ – Зи Озарм гетӣ беозарм гашт,
   Пайи ахтари рафтанаш нарм гашт.

www.sattor.com

Шуд ӯ низу он тахт бешоҳ монд,[1]
Ба коми дили марди бадхоҳ монд.[2]

Ҳама кори гардандачарх ин бувад,
Зи парвардаи хеш пуркин бувад.[3]

1. Л – шуд: И – гашт,
2. Л – шуд: И – гашт.
3. Л – Пас аз б. 10 ин б. омада:

Киро давлату бахт ёрӣ диҳад
Варо бар ҷаҳон комгорӣ диҳад.
На коҳад, на афзояд аз бахши чарх,
Ҳамон аст, к-аввал туро буд барх.

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ ФАРРУХЗОД

Як моҳ буд

БАР ТАХТ НИШАСТАНИ ФАРРУХЗОД ВА КУШТА ШУДАНАШ БА ДАСТИ БАНДА

Зи Ҷаҳрам Фарухзодро хонданд,
Бад-он тахти шоҳиш биншонданд.

Чу бар тахт биншаст, кард офарин
Ба некӣ ҷаҳиш[1] бар ҷаҳонофарин.

«Манам, - гуфт, - фарзанди шоҳаншаҳон,
Нахоҳам ба ҷуз эминӣ дар ҷаҳон.

Зи гетӣ ҳар он кас, ки ҷӯяд газанд,
Чу ман шоҳ бошам, нагардад баланд.

Ҳар он кас, ки ҷӯяд ба дил ростӣ,
Наёрад ба кор-андарун костӣ.

Бидорам-ш чун ҷони пок арҷманд,
Наҷӯем бар[2] бегазандон газанд».[3]

Сипаҳ хонд яксар бар ӯ офарин,
Ки бе ту мабодо замону замин!

Чу як моҳ бугзашт бар тахти ӯ,
Ба хок андаромад сару бахти ӯ.

Яке банда будаш чу сарви саҳӣ,
Або хубиву зебу бо фарраҳӣ.

Сияҳчашм буд номи он беҳунар,
Ки чун ӯ маёрод гардун дигар.

---

1. Л– некидиҳиш
2. Л – Наҷӯям бар ин.
3. ТПЗ – Касе, к-ӯ бувад аз пайи мо ба ранҷ,
   Мукофоти он ранҷ бахшем ганҷ.
   Ҳама дӯстонро гиромӣ кунем,
   Меҳонро ба ҳар ҷой номӣ кунем.
   Ҳамон зердастон зи ман эмананд,
   Агар дӯстдоранд, агар душмананд.

www.sattor.com

Яке парстораш ба дил дӯст гашт,
Ки ногоҳ рӯзе бар ӯ баргузашт.

Сӯи[1] он парастор пайғом кард,
Ки «бо ман гар ои̣ ба як ҷой гирд,[2]

Биёбӣ зи ман бекарон хоста,
Ба гавҳар кунам тоҷат ороста».

Парастор бишниду посух надод,
Ба назди Фарухзод ин кард ёд.

Чу бишнид ин шоҳ, пуртоб шуд,
Аз андӯҳ бехӯрду бехоб шуд.

Сияҳчашмро банд бар пой кард,
Ба зиндон-дарун мардро ҷой кард.

Чу бугзашт чанде бар он беҳунар,
Ки баста будаш он шаҳи додгар.

Аз ӯ шоҳ бардошт[3] банди гарон,
Чу бисёр гаштанд хоҳишгарон.

Дигарбора зӣ хидмати шоҳ шуд,
Аз ӯ шоҳро умр кӯтоҳ шуд.[4]

Ҳаме буду ӯро зи ором баҳр,
Сияҳчашм бо май биёмехт[5] заҳр.

Бихӯрду ба як ҳафта з-он пас бизист,
Ҳар он кас, ки бишнид, бар вай гирист.

Ҳама подшоҳӣ ба поён расид,
Зи ҳар сӯ ҳаме душман омад падид.[6]

---

1. Л – Бари
2. Л – х(в)ард,
3. Л – гуфтанд
4. И – б. 9–20 нест:
   ТПЗ – Ҳамеҷуст аз кина бар шоҳ ҷой
   Чунон бадкуниш бандаи зиштрой.
5. И – Яке банда бо май барангехт
6. ТПЗЛ – Нагунсор шуд тахти Сосониён
   Аз он зишт кирдори эрониён.

www.sattor.com

Чунин аст кирдори гарданда даҳр,
Нигаҳ кун, к-аз ӯ чанд ёбӣ ту баҳр.

Бихӯр, ҳар чӣ дорӣ[1] ба фардо мапой,
Ки фардо магар дигар ояд-ш рой.

Ситонад зи ту, дигареро диҳад,
Дигар кас кулоҳи кайӣ барниҳад.

Бихӯр ҳар чӣ дорӣ, фузунӣ бидеҳ,
Ту ранҷидаӣ, баҳри душман манеҳ.

Ҳар он гаҳ, ки рӯзи ту андаргузашт,
Ниҳода ҳама бод гардад ба дашт.[2]

1. Л –ёбӣ,
2. ТПЗ – Ба душман расад, ончи бошад ба ганҷ,
Бидеҳ, то равонат набошад ба ранҷ.

www.sattor.com

ПОДШОҲИИ ЯЗДГИРД

Шонздаҳ сол буд

БАР ТАХТ НИШАСТАНИ ЯЗДГИРД ВА АНДАРЗ КАРДАН БА САРДОРОН

Чу бугзашт ӯ, шоҳ шуд Яздгирд,
Ба моҳи сипандормуз рӯзи ирд.

Чӣ гуфт он сухангӯй марди далер,[1]
Ки аз гардиши рӯз баргашт сер,

Ки боре назодӣ маро модарам,
Нагаштӣ сипеҳри баланд аз барам.[2]

На рӯзи бузургӣ, на рӯзи ниёз
Бимонад[3] ҳаме бар касе-бар дароз.

Замона замонест, чун бингарӣ,
Бад-ин моя бо ӯ макун доварӣ.

Биёрой хону бипаймой ҷом,
Зи тимори гетӣ мабар ҳеҷ ном.

Агар чархи гардон кашад зини ту,
Саранҷом хишт аст болини ту.[4]

Дилатро ба тимор чандин мабанд,
Бас эмин машав аз сипеҳри баланд.

Чу бо шеру бо пил бозӣ кунад,[5]
Чунон дон, ки аз бениёзӣ кунад.[6]

---

1. Л – дабир
2. ТПИЛМ – Ба паргори тангу миёни ду гӯй
   Чӣ гӯям, ки ҷуз хомушӣ нест рӯй.
3. ИЛ – Намонад
4. ТПЗ – Агар шоҳ гардӣ, саранҷом чӣ?
   Зи оғози тахту зи фарҷом чӣ?
5. Л – кунӣ,
6. Л – кунӣ.

www.sattor.com

Ту беҷон шавӣ, ӯ бимонад дароз,
Ҳадисе дароз аст, чандин маноз.

Ту аз Офаридун фузунтар наӣ,
Чу Парвиз бо тахту афсар наӣ.[3]

Ба жарфӣ нигаҳ кун, ки бо Яздгирд
Чӣ кард он барафрохта ҳафт гирд.

Чу бар хусравӣ гоҳ биншаст шод,
Кулоҳи бузургӣ ба сар барниҳод.

Чунин гуфт, к-«аз даври чархи равон,
Манам пок фарзанди Нӯширавон.[1]

Падар бар падар подшоҳӣ марост,
Хуру хӯшаву бурҷи[2] моҳӣ марост.[3]

Начӯям баландиву фарзонагӣ,
Ҳамон разму тундиву мардонагӣ.[4]

Ки бар кас намонад ҳаме рӯзи бахт,
На ганҷу на дайҳими шоҳӣ, на[5] тахт.

Ҳаме номи ҷовид бояд, на ком,
Бияндоз кому барафроз ном.

Зи ном аст то ҷовидон зинда мард,
Ки мурда бувад колбад зери гард».[6]

Бузургон бар ӯ офарин хонданд
Варо шаҳрёри замин хонданд.[7]

---

1. ТПЗЛ – Чу Ҷамшед деват ба фармон набуд,
Чу Ковус ҷонат ба Яздон набуд.
2. Л – Нӯшинравон.
3. Л – моҳу: И – чарху
4. ТПИЛ – Бузургӣ диҳам, ҳар кӣ меҳтар бувад,
Наёзорам онро, ки кеҳтар бувад.

* Л – Гаразмон

5. Л – шоҳиву
6. ТПЗЛ – Чу некӯ бувад шоҳро доду дин,
Зи номаш замонҳо пур аз офарин.
Бар онам, ки то зинда монад танам,
Буну бехи бад аз ҷаҳон барканам.
7. И –б. 19, 20 нест.

www.sattor.com

Бар ин гуна то сол шуд бар ду ҳашт,
Ҳаме моҳу хуршед бар сар гузашт.[1]

ТОХТАНИ САЪДИ ВАҚҚОС БА ЭРОН ВА ФИРИСТОДАНИ ЯЗДГИРД РУСТАМРО БА ҶАНГИ Ӯ

Умар Саъди Ваққосро бо сипоҳ
Фиристод, то ҷанг ҷӯяд зи шоҳ.[2]

---

1. ТПМ – Ҳаме дошт гетӣ ба оину дод,
Ҳама шаҳри Эрон бар ӯ буд шод.
2. ТПЗЛ – Чунон буд кучо сарфарози араб,
Ки аз теғи ӯ рӯз гаштӣ чу шаб.
Умар, он ки буд мӯъминонро амир,
Сутуда варо холиқи беназир.*
Чу бахти Араб бар Аҷам чира шуд,
Ҳаме бахти Сосониён тира шуд.
Пур омад шаҳони ҷаҳонро қафиз,
Ниҳон шуд зару гашт пайдо пашиз.
Ҳамон зишт шуд хубу шуд хуб зишт,
Шуда роҳи дӯзах падид аз биҳишт.
Дигаргуна шуд чархи гардон ба чеҳр,
Зи озодагон пок бубрид меҳр.
Ба доди ҷаҳонофарин кирдгор
Бибояд ҳаме бандаро кард кор.
Ба озори ӯ бандаро пой нест,
Ҷуз ӯ ҷондеҳу чеҳраорой нест.
ТПЗМ – Чу огоҳ шуд з-он сухан паҳлавон,
Биёмад бари шоҳи равшанравон.
Заминро бибӯсиду бурдаш намоз,
Ҳаме буд пешаш замоне дароз.
Бар ӯ офарин хонд бас шаҳрёр,
Ки «эй аз каёни ҷаҳон ёдгор!
Ки дорӣ тани пилу чанголи шер,
Наҳанги дамон андарорӣ ба зер.
Сари саркашонро ба ҳангоми ҷанг
Бибуррӣ, чу ту теғ гирӣ ба чанг.
Шунидам, ки аз тозиён бешумор
Сипоҳе ҳама рух ба кирдори қор.
Бад-ин марзи мо размхоҳ омаданд,
Агарчанд беганҷу шоҳ омаданд.
Сипаҳдорашон Саъди Ваққос ном,
Ки ҷӯёи гоҳ асту ҷӯёи ком.
Дирафши бузургиву ганҷу сипоҳ
Туро додам, эй паҳлави некхоҳ.
Сипаҳро биёрою барсоз ҷанг,
Набояд, ки гирӣ замоне диранг.
Аз эдар чу рафтӣ чунин ҷангҷӯй,
Сипаҳро чу рӯй андарояд ба рӯй,
Ту худро нигаҳ дор (аз) ин тозиён,

www.sattor.com

Чу огоҳ шуд з-он сухан Яздгирд,
Зи ҳар сӯ сипоҳ андаровард гирд.

Бифармуд, то пури Ҳурмузд роҳ
Бипаймояду баркашад бо сипоҳ,

Ки Рустам будаш ному бедор буд,
Хирадманду гурду ҷаҳондор буд.

Ситорашумар буду бисёрҳуш,
Ба гуфтори мӯбад ниҳода ду гӯш.[1]

Бирафту гаронмоягонро бибурд,
Ҳар он кас, ки буданд бедору гурд.

Бар ин гуна то моҳ бигзашт сӣ,
Ҳаме разм ҷустанд дар Қодисӣ.[1]

Бидонист Рустам шумори сипеҳр,
Ситорашумар буду бододу меҳр.

Ҳаме гуфт, к-ин размро рӯй нест,
Раҳи оби шоҳон бад-ин ҷӯй нест!

Биёвард суллобу ахтар гирифт,
Зи рӯзи бало даст бар сар гирифт.

Яке нома сӯи бародар бадард
Набишту суханҳо ҳама ёд кард.

Ба ҳар кор бингар ба суду зиён».
Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «ман бандаам,
Ба пеши ту эдар парастандаам.
Бибуррам сари душмани шохро,
Ба банд оварам ҷони бадҳохро».
Заминро бибӯсиду омад бадар,
Ҳама шаб ҳаме буд пурандеша сар.
Чу хуршеди тобанда бинмуд рӯй,
Биёмад дамон Рустами кинаҷӯй.

*Л – Ин б. ва б. аввал нест.

1. Л – Пас аз б. 28 ин б. омада:
Басе кушта шуд лашкар аз ҳар ду сӯй,
Сипаҳ як зи дигар набаргошт рӯй.
Ҳаме чораи тозиён кам шинохт,
Агарчанд дар ҷанги вай сар фарохт.

www.sattor.com

Нахуст офарин кард бар кирдгор,
К-аз ӯ дид неку бади рӯзгор.

Дигар гуфт, к-«аз гардиши осмон
Пажӯҳанда мардум шавад бадгумон.

Гунаҳкортар дар замона манам,
Азеро гирифтори Оҳарманам,

Ки ин хона аз подшоҳӣ таҳист,
На ҳангоми фирӯзиву фарраҳист.[1]

Зи чорум ҳаме бингарад офтоб,
К-аз ин ҷанг моро бад ояд шитоб.

Зи Баҳрому Зуҳра-ст моро газанд,
Нашояд гузаштан зи чархи баланд.

Ҳамон тиру кайвон баробар шудаст,
Уторид ба бурҷи дупайкар шудаст.

Чунин асту коре бузург аст пеш,
Ҳаме сер гардад дил аз ҷони хеш.

Ҳама буданиҳо бубинам ҳаме
В-аз ӯ хомушӣ баргузинам ҳаме.[2]

Бар эрониён зор гирён шудам,
Зи сосониён низ бирён шудам.

Дареғ он сари тоҷу он тахту дод,
Дареғ он бузургиву фарру нажод,[3]

К-аз ин пас шикаст ояд аз тозиён,
Ситора нагардад магар бар зиён.

---

1. Л – Пас аз б. 36 ин б. омада:
Хуру Моҳу Ноҳид бо тозиён
Чунон шуд, к-аз ахтар биёбад зиён.
2. ТПЗЛ – Чу огоҳ гаштам аз ин рози чарх,
Ки моро аз ӯ нест ҷуз ранҷ* барх.
* Л – зи давлат намондаст
3. Л – Дареғ ин сару тоҷу ин доду тахт,
Дареғ ин бузургиву ин фарру бахт.

www.sattor.com

Бар ин солиён чорсад бугзарад,
К-аз ин тухма гетӣ касе наспарад.

Аз эшон фиристода омад ба ман,
Сухан рафт ҳар гуна бар[1] анҷуман,

Ки аз Қодисӣ то лаби Рӯдбор
Заминро бубахшем бо шаҳрёр.

В-аз он сӯ яке баркушоянд роҳ,
Ба шаҳре куҷо ҳаст бозоргоҳ.

Бад-он то харему фурӯшем чиз,
Аз он пас фузунӣ наҷӯем низ.

Пазирем мо сову божи гарон,
Наҷӯем дайҳими кундоварон.

Шаҳаншоҳро низ фармон барем,
Гар аз мо бихоҳад, гаравгон барем.

Чунин аст гуфтор, кирдор нест,
Ҷуз аз гардиши кажжпаргор нест.

Бар ин низ ҷанге бувад ҳар замон,
Ки кушта шавад сад ҳизабри дамон.

Бузургон, ки бо ман ба ҷанг- андаранд,
Ба гуфтори эшон ҳаме нангаранд.

Чу Мирӯи Табриву чун Арманӣ
Ба ҷанганд бо кеши оҳарманӣ.

Чу Гулбӯи Суриву ин меҳтарон,
Ки гӯпол доранду гурзи гарон,

Ҳаме сарфарозанд, к-эшон кианд,
Ба Эрону Мозандарон бар чианд?

Агар марзу роҳ аст, агар неку бад
Ба гурзу ба шамшер бояд ситад.

1. Л – гуфт ҳар гуна аз

www.sattor.com

Бикӯшему мардӣ ба кор оварем,
Бар эшон ҷаҳон тангу тор оварем.

Надонад касе рози гардонсипеҳр,
Ки ҷуз гуна гаштаст бар мо ба меҳр.

Чу нома бихонӣ хирадро марон,
Бипардозу барсоз бо меҳтарон.

Ҳама гирд кун хоста, ҳар чӣ ҳаст,
Парастандаву ҷомаҳои нишаст.

Ҳаме тоз то Озарободагон
Ба ҷои бузургону озодагон.

Ҳам эдун гала ҳар чӣ дорӣ зи асп,
Бибар сӯи ганҷури Озаргушасп.

Зи Зобулситон ҳам зи эронсипоҳ,
Ҳар он кас, ки оянд, зинҳорхоҳ,

Бидору бипӯшу биёрой меҳр,
Нигаҳ кун бад-ин гирдгардон сипеҳр,

К-аз ӯ шодмонему з-ӯ бониҳеб,
Замоне фарозу замоне нишеб.

Сухан ҳар чӣ гуфтам, ба модар бигӯй,
Набинад ҳамоно маро низ рӯй.

Дурудаш деҳ аз мову бисёр панд,
Бар-он, то набошад ба гетӣ нажанд.

В-ар аз ман бад огоҳӣ орад касе,
Мабош андар ин кор ғамгин басе.

Чунон дон, ки андар сарои сипанч
Касе, ки ниҳад ганҷ, бо дасту[1] ранҷ.[2]

1. Л – подоши
2. ТПЗЛ – Зи ганҷи ҷаҳон ранҷ беш оварад.*
Аз он ранҷи ӯ дигаре бар хӯрад.**

www.sattor.com

Ҳамеша ба яздонпарастӣ гирой,
Бипардоз дил з-ин сипанҷӣ сарой,

Ки омад ба танг-андарун рӯзгор,
Набинад маро з-ин сипас шаҳрёр.

Ту бо ҳар кӣ аз дудаи мо бувад,
Агар пир, агар марди барно бувад,

Ҳама пеши Яздон ниёиш кунед,
Шаби тира ӯро ситоиш кунед,[1]

Ки ман бо сипоҳӣ ба сахтӣ - дарам,
Ба ранҷу ғаму шӯрбахтӣ - дарам.

Раҳоӣ наёбам саранҷом аз ин,
Хушо боди нӯшини Эронзамин.[1]

Чу гетӣ шавад танг бар шаҳрёр,
Ту ганҷу тану ҷон гиромӣ мадор,

К-аз ин тухмаи номдор арҷманд,
Намондаст ҷуз шаҳрёри баланд.[2]

Ба кӯшиш макун ҳеҷ сустӣ ба кор,
Ба гетӣ ҷуз ӯ нест парвардгор.

Зи сосониён ёдгор ӯсту бас,
К-аз ин пас набинанд аз ин тухма кас.

Дареғ ин сари тоҷу ин меҳру дод,
Ки хоҳад шудан тухми шоҳӣ ба бод.[3]

Чӣ будат басе инчунин ранҷу оз,
Ки аз бештар кам нагардад ниёз.

* Л – пеш оядаш ** Л – Ҷуз аз ноз тимор беш оядаш

1. Л –Пас аз б. 75 ин б. омада:
Ба Эзад кунед аз замона паноҳ,
Ба ҷуз вай мабошед фарёдхоҳ:
ТПИЛМ – Бикӯшеду бахшанда бошед чиз,
Зи хӯрдан ба фардо мамонед низ.
2. ТПЗ – Нигаҳ дор ӯро ба рӯзу ба шаб,
Ки то чун бувад кори ман бо араб.
3. И – б. 82 нест.

www.sattor.com

Ту пирӯз бошу ҷаҳондор бош,
Зи баҳри тани шаҳ батимор бош!

Гар ӯро бад ояд, ту шав пеши ӯй,
Ба шамшер биспор пархошҷӯй.

Чу бо тахт минбар баробар шавад,[1]
Ҳама ном Бубакру[2] Уммар шавад.[3]

Табаҳ гардад ин ранҷҳои дароз,
Шавад носазо шоҳи гарданфароз.

На тахту на дайҳим бинӣ, на шаҳр,
Зи ахтар ҳама тозиёнрост баҳр.[4]

Чу рӯз андарояд ба рӯзи дароз,
Нишеби дароз аст пеши фароз.

Бипӯшанд аз эшон гурӯҳе сиёҳ,
Зи дебо ниҳанд аз бари сар кулоҳ.

На тахту на тоҷу на заррина кафш,
На гавҳар, на афсар, на бар сар дирафш,

Биранҷад, яке дигаре бар хурад,
Ба доду ба бахшиш касе нангарад.

Шаб ояд, яке чашм рахшон кунад,
Нуҳуфта касеро хурӯшон кунад.

Ситонандаи рӯзу шаб[5] дигар аст,
Камар бар миёну кулаҳ бар сар аст.

Зи паймон бигарданду аз ростӣ,
Гиромӣ шавад каждиву костӣ.

1. ИЛ – кунанд,
2. И – Усмону
3. Л – кунанд: Пас аз б. 85 ин б. омада:
Бимирад фурӯзанда ин озарон,
Аз ин девхӯ, беҳунар сарварон.
И – кунанд.
4. И –б. 87 нест.
5. Л –Ситояндаи рӯзашон

www.sattor.com

Пиёда шавад мардуми ҷангҷӯй,[1]
Саворе, ки[2] лоф ораду гуфтугӯй.

Кашоварзи ҷангӣ шавад беҳунар,
Нажоду ҳунар камтар ояд ба бар.

Рабояд ҳаме ин аз он, он аз ин,
Зи нафрин надонанд боз офарин.

Ниҳон бадтар аз ошкоро шавад,
Дили шоҳашон санги хоро шавад.

Бадандеш гардад писар бар падар,
Падар ҳамчунин бар писар чорагар.

Шавад бандаи беҳунар шаҳрёр,
Нажоду бузургӣ наёяд ба кор.

Ба гетӣ касеро намонад вафо,
Равону забонҳо шавад пурҷафо.

Зи Эрону аз Турк в-аз тозиён
Нажоде падид ояд андар миён,

На деҳқон, на турку на тозӣ бувад,
Суханҳо ба кирдори бозӣ бувад.

Ҳама ганҷҳо зери доман ниҳанд,
Бимиранду кӯшиш ба душман диҳанд.[3]

Чунон фош гардад ғаму ранҷу шӯр,
Ки шодӣ ба ҳангоми Баҳроми Гӯр.

На ҷашну на ромиш, на кӯшиш, на ком--
Ҳама чораву тунбалу сози дом.[4]

---

1. Л –размҷӯй,
2. ИЛ –Савор он ки
3. ТПИЛ – Бувад донишуманду зоҳид ба ном,
Бикӯшад аз ин, то кӣ ояд ба дом.
4. ТПИЛ – Падар бо писар кини сим оварад,
Хӯриш кашку пӯшиш гилем оварад.

www.sattor.com

Зиёни касон аз пайи суди хеш
Бичӯянду дин андароранд пеш.

Набошад баҳор аз зимистон падид,
Наёранд ҳангоми ромиш набид.[1]

Чу бисёр аз ин достон бугзарад,
Касе сӯи озодагон нангарад.

Бирезанд хун аз пайи хоста,
Шавад рӯзгори меҳон коста.

Дили ман пур аз хун шуду рӯй зард,
Даҳон хушку лабҳо шуда ложвард,

Ки то ман шудам паҳлавон аз миён,
Чунин тира шуд бахти сосониён.

Чунин бевафо гашт гардонсипеҳр,
Дижам гашту аз мо бибуррид меҳр.[2]

Маро тиру пайкони оҳангузор
Ҳаме бар бараҳна наёяд ба кор.

Ҳамон теғ, к-аз гардани пилу шер
Нагаштӣ ба захм, андаровард сер.

Набуррад ҳаме пӯст бар тозиён,
Зи дониш зиён омадам бар зиён.

Маро кошкӣ ин хирад нестӣ,
Гар андешаи неку[3] бад нестӣ.

Бузургон, ки дар Қодисӣ бо мананд,
Дуруштанду бар тозиён душмананд.

1. ТПЗЛ – Зи пешиву бешӣ надоранд хуш,
Хуриш нони кашкину* пашминапӯш.
* Л – Ниҳон бар баду дӯш
2. ТПЗЛ – Агар найза бар кӯҳи рӯин занам,
Гузора кунад з-он ки рӯинтанам.
3. ИЛ – огоҳии рӯзи

www.sattor.com

Гумонанд, к-ин беш берун шавад,
Зи душман замин рӯди Ҷайҳун шавад.

Зи рози сипеҳрӣ кас огоҳ нест,
Надонанд, к-ин ранҷ кӯтоҳ нест.

Чу бар тухмае бугзарад рӯзгор,
Чӣ суд ояд аз ранҷу аз корзор?!

Туро, эй бародар, тан обод бод!
Дили шоҳи Эрон ба ту шод бод!

Ки ин Қодисӣ гӯргоҳи ман аст,
Кафан ҷавшану хун кулоҳи ман аст.

Чунин аст рози сипеҳри баланд,
Ту дилро ба дарди бародар[1] мабанд.

Ду дида зи шоҳи ҷаҳон бармадор,
Фидо кун тани хеш дар корзор,

Ки зуд ояд ин рӯзи оҳарманӣ,
Чу гардуни гардон кунад душманӣ».

Чу нома ба мӯҳр андаровард, гуфт,
Ки «пайвандаро[2] офарин бод ҷуфт!»

Ки ин нома назди бародар барад,
Бигӯяд ҷуз ин, ҳар чӣ андарх(в)арад.

НОМАИ РУСТАМ БА САЪДИ ВАҚҚОС

Фиристодае низ чун барқу раъд
Фиристод тозон ба наздики Саъд.

Яке номае бар ҳарири сафед
Нависанда бинвишт тобон чу шед.

1. ИЛ – ман-андар
2. Л –пӯяндаро: И–баррандаро

www.sattor.com

Ба унвон-бар аз пури Ҳурмуздшоҳ,
Ҷавонпаҳлавон Рустами некхоҳ.[1]

Сӯи Саъди Ваққоси ҷӯяндаҷанг,
Ҷаҳон карда бар хештан тору танг.

Сари нома гуфт: Аз ҷаҳондори пок
Набояд, ки бошем бетарсу бок.

К-аз ӯяст бар пой гардонсипеҳр,
Ҳама подшоҳиш додасту меҳр.

В-аз ӯ бод бар шаҳрёр офарин,
Ки зебои тоҷ асту тахту нигин.[2]

Ки дорад ба фар Аҳриманро ба банд
Худованди шамшеру тоҷи баланд.

Ба пеш омад ин нописандида кор,
Ба беҳуда ин ранҷу ин корзор.

Ба ман бозгӯй ин, ки шоҳи ту кист,
Чӣ мардиву оину роҳи ту чист?

Ба назди кӣ ҷӯӣ ҳаме дастгоҳ,
Бараҳна сипаҳбад, бараҳна сипоҳ?

Ба ноне ту сериву ҳам гурсуна,
На пилу на тахту на бору буна.

Ба Эрон туро зиндагонӣ бас аст,
Ки тоҷу нигин баҳри дигар кас аст,[3]

Ки бо пилу ганҷ асту бо фарру гоҳ,
Падар бар падар номбардор шоҳ.

1. ИЛ –кинахоҳ.
2. ТПМ – Дурахшон аз ӯ фарри шоҳаншаҳӣ,
Бузургиву фирӯзиву фарраҳӣ.
3. Л –Пас аз б. 141 ин б. омада:
Кунун Яздгирд аст шоҳи ҷаҳон,
Ситоянда бошад ба пеши меҳон.

www.sattor.com

Ба дидори ӯ дар фалак моҳ нест,
Ба болои ӯ бар замин шоҳ нест.

Ҳар он гаҳ, ки бар базм[1] хандон шавад,
Кушодалабу симдандон шавад.

Бубахшад баҳое сари тозиён,
Ки бар ганҷи ӯ з-ин наёяд зиён.

Сагу юзу бозаш даҳу ду ҳазор,
Ки бо занги зарранду бо гӯшвор.

Ба соле ҳама дашт найзаварон
Наёбанд хӯрд аз карон то карон,

Ки ӯро бибояд ба юзу ба саг,
Ки дар дашт нахчир гирад ба таг.[2]

Шуморо ба чашм - андарун шарм нест,
Зи роҳи хирад меҳру озарм нест.

Бад-он чеҳру он зоду он меҳру хӯй,
Чунин тоҷу тахт омадат орзуй?

Ҷаҳон гар бар андоза ҷӯӣ ҳаме,
Сухан бар газофа нагӯӣ ҳаме.

Сухангӯй марде бари мо фирист,
Ҷаҳондидаву гурду доно фирист.

Бад-он, то бигӯяд, ки роҳи[3] ту чист,
Ба тахти каён раҳнамои ту кист?

1. Л –гоҳ
2. ТПЗИЛ – Сагу юзи ӯ бештар з-он х(в)арад,
Ки шоҳ он ба чизе ҳаме нашмарад.*
Зи шири шутур хӯрдану сусмор
Арабро ба ҷое расидаст кор,
Ки тахти Аҷамро кунад орзу,
Туфу бод бар чархи гардон, туфу!
* М – Танҳо ҳамин бамаврид аст.
3. ИЛ – ройи

www.sattor.com

Саворе фиристам бад-ин[1] назди шоҳ,
Бихоҳам аз ӯ, ҳар чӣ гӯӣ бихоҳ.

Ту ҷанги чунон подшоҳе маҷӯй,
Ки фарҷоми кор андарояд ба рӯй.

Набери ҷаҳондор Нӯшинравон,
Ки бо доди ӯ пир гардад ҷавон,

Падар бар падар шоҳу худ шаҳрёр,
Замона надорад чун ӯ ёдгор.

Ҷаҳонро[2] макун пур зи нафрини хеш,
Машав бадгумон андар оину кеш.[3]

Нигаҳ кун бад-ин номаи пандманд,
Макун чашму гӯши хирадро ба банд.

Чу нома ба мӯҳр андаромад, бидод
Ба Пирӯз Шопури фаррухнажод.

Бари Саъди Ваққос шуд паҳлавон,
Зи Эрон бузургони равшанравон.

Ҳама ғарқ дар ҷавшану симу зар,
Сипарҳои заррину заррин камар.

ПОСУХИ НОМАИ РУСТАМ АЗ САЪДИ ВАҚҚОС

Чу бишнид Саъд-он гаронмоя мард,
Пазира шудаш бо сипоҳе чу гард.

---

1. ЛМ – Ту разми чунин шаҳрёре маҷӯ.
Ки фарҷом аз ин хорӣ орад ба рӯ.
2. ИЛ – Ҷаҳоне
3. Л – Пас аз б. 158 ин б. омада:
Худованд ӯро кунад озмун,
Ба фарҷомашон ӯ бувад раҳнамун.
ТПИЛ – Ки тахти каён чун набошад нажод,
Начӯяд худованди фарҳангу* дод.
* ИЛ – оину

www.sattor.com

Фуруд оваридаш ҳам андар замон,[1]
Зи лашкар бипурсиду аз паҳлавон.

Ҳам аз шоҳу дастур в-аз лашкараш,
Зи солори бедору аз кишвараш.

Ридо зери Пирӯз бифканду гуфт,
Ки «мо найзаву теғ дорем ҷуфт.

Зи дебо нагӯянд мардони мард,
Зи зарру зи симу зи хобу зи х(в)ард».[2]

Суханҳош бишниду нома бихонд,
Ба посух фаровон ситоиш биронд.

Ба тозӣ яке нома посух навишт,
Падидор кард андар ӯ хубу зишт.[3]

Зи ҷиннӣ сухан гуфту аз одамӣ,
Зи гуфтори пайғамбари ҳошимӣ.

Зи тавҳиду Қуръону ваъду ваъид,
Зи тобиду аз расмҳои ҷадид.

Зи қатрону оташ ва аз[4] замҳарир,
Зи фирдавсу ҷӯи маю ҷӯи шир.

Зи кофури[5] маншуру моъи маъин,
Дарахти биҳишту маю ангубин,

Ки гар шоҳ бипзирад ин дини рост,
Ду олам ба шоҳиву шодӣ варост.

1. Л – Сипаҳбад фурӯ омаду ҳам гавон.
2. ТПЗ – Шуморо ба мардонагӣ нест кор,
Ҳамон чун занон рангу бӯю нигор.
Ҳунартон ба дебост перостан,
Дигар нақши бому дар оростан.
Ҳамон гоҳ Фирӯз нома бидод,
Суханҳои Рустам бад-ӯ кард ёд.
3. ТПЗ – Сари нома бинвишт номи Худой,
Муҳаммад расулаш ба ҳақ раҳнамой,
4. ИЛ – аз оташу
5. Л –кофуру

www.sattor.com

Ҳамон тоҷ ёбад, ҳамон гӯшвор,
Ҳамасола бӯй асту рангу нигор.

Шафеъ аз гуноҳаш Муҳаммад бувад,
Танаш чун гулоби мусаъъад бувад.

Ба коре, ки подош ёбӣ биҳишт,
Набояд ба боғи бало кина[1] кишт.

Тани Яздгирду ҷаҳони[2] фарох,
Чунин боғу айвону майдону кох.

Ҳама тахту тоҷу[3] ҳама ҷашну сур
Нахаррам ба дидори як мӯи ҳур.

Ду чашми ту андар сарои сипанҷ
Чунин хира гашт аз сари[4] тоҷу ганҷ.

Пас эмин шудастӣ бад-ин тахти оҷ,
Бад-ин юзу бозу бад-ин бахту[5] тоҷ.

Ҷаҳоне куҷо, шарбати оби сард
Наярзад, ту дил з-ӯ чӣ дорӣ бадард?[6]

Ҳар он кас, ки пеши ман ояд ба ҷанг,
Набинад ба ҷуз дӯзаху гӯри танг.

Биҳишт аст, агар биграві ҷойи ту,
Нигар, то чӣ бошад кунун ройи ту.[7]

Ба қиртос мӯҳри араб барниҳод,
Дуруди Муҳаммад ҳаме кард ёд.[8]

---

1. Л –хор
2. Л –ҷаҳоне
3. Л – тахтгоҳу
4. ИЛ – пайи
5. Л – мӯҳру
6. ТПЗМ – Хирадманд нанҳад ҷаҳонро ба ҳеҷ,
   Машав ғарра в-аз роҳи дин сар мапеч.
7. ТПЗЛ – Ҳамеша бувад ону ин бугзарад,
   Чунин донад он кас, ки дорад хирад.
8. ТПЗЛ– Фиристодаи Саъди Ваққос рафт,*
   Ба наздики Рустам хиромид тафт.

* Л – Саъд Шӯъба бирафт,

www.sattor.com

Чу Шӯъба Мағира бирафт аз гавон,
Ки ояд бари Рустами паҳлавон.

Аз эрониён номдоре зи роҳ
Биёмад бари паҳлавони сипоҳ,

Ки омад фиристодае пиру суст,
На аспу силеҳу на ҷисми дуруст.

Яке теғи борик бар гарданаш,
Падид омада чоки пероҳанаш.

Чу Рустам ба гуфтори ӯ бингарид,
Зи дебо саропардае баркашид.[1]

Зи зарбафти чинӣ кашиданд нах,
Сипоҳ андаромад чу мӯру малах.

Ниҳоданд заррин яке пешгоҳ,[2]
Нишаст аз бараш паҳлавони сипоҳ.

Биёвард аз эрониён шаст мард,
Саворону шерони рӯзи набард.

Ба зар бофта[3] ҷомаҳои бунафш,
Ба пой - андарун карда заррина кафш.

Ҳама тавқдорони богӯшвор,
Саропарда ороста шоҳвор.

Чу Шӯъба ба даҳлези[4] пардасарой
Биёмад, бар он ҷома нанҳод пой.

Ҳаме рафт бар хок-бар хор-хор,
Зи шамшер карда яке даствор.

Нишаст аз бари хоку касро надид,
Сӯи паҳлавони сипаҳ нангарид.[5]

1. Л – баргузид.
2. Л – зергоҳ.
3. Л – Або афсару
4. ИЛ – болои
5. Л – бингарид.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «ҷон[1] шод дор,
Ба дониш равону тан обод дор!»

Ба Рустам чунин гуфт, к-«эй некном,
Агар дин пазирӣ, алайкассалом».

Бупечид Рустам зи гуфтори ӯй,
Буруҳош пурчин шуду зард рӯй.

Аз ӯ нома бистад, ба хонанда дод,
Суханҳо бар ӯ кард хонанда ёд.[2]

Чунин дод посух, ки «ӯро бигуй,
Ки на шаҳриёрӣ, на дайҳимҷӯй.

Бидидӣ сари тирабахти маро,
Дилат орзу кард тахти маро?!

Сухан назди донандагон[3] хор нест,
Туро андар ин роҳ дидор нест.

Агар Саъд бо тоҷи шоҳон[4] будӣ,
Маро разму базми вай осон будӣ.

Валекин чу бад з-ахтари[5] бевафост,
Чи гӯям, ки имрӯз рӯзи балост.

Маро гар Муҳаммад бувад пешрав,
Зи дини куҳан гирам ин дини нав.

Ҳамон каж бувад кори[6] ин кӯзпушт,
Бихоҳад, ҳаме буд бо мо дурушт.

Ту акнун бад-ин хуррамӣ бозгард,
Ки ҷои сухан нест рӯзи набард.

1. Л –дил
2. Л –Пас аз б. 202 ин б. омада:
Чу бишнид он гуфтаи Саъд пок,
Ситад номаи Саъдро, кард чок.
3. Л – хонандагон
4. Сосон
5. Л–Валекин бад аз ахтари
6. Л– Ҳамон кажжпаргор

www.sattor.com

Бигӯяш, ки дар ҷанг мурдан баном
Беҳ аз зинда, душман бад-ӯ шодком».

РАЗМИ РУСТАМ БО САЪДИ ВАҚҚОС ВА КУШТА ШУДАНИ РУСТАМ

Чу Шӯъба зи наздики ӯ гашт боз,
Сипаҳро бифармуд, то кард соз.

Бифармуд, то баркашиданд пой,
Сипоҳ андаромад зи ҳар сӯ ба ҷой.

Баромад яке абру баршуд хурӯш,
Ҳаме карр шуд мардуми тезгӯш.[1]

Синонҳои алмос дар тирагард,[2]
Ту гуфтӣ, ситораст бар[3] ложвард.

Ҳаме найза бар миғфари обдор
Биёмад ба захм-андарун тобдор.

Се рӯз андар он ҷойгаҳ буд ҷанг,
Ба эрониён-бар бибуд об танг.[4]

Шуд аз ташнагӣ дасти гурдон зи кор,
Ҳам аспи гаронмоя аз корзор.

Лаби Рустам аз ташнагӣ шуд чу хок,
Даҳон хушку гӯё, забон чок-чок.

Чунон танг шуд рӯзгори набард,
Гили тар ба хӯрдан гирифт аспу мард.[5]

---

1. ТПМ – Чу Шӯъба биёмад ба наздики Саъд
Або он суханҳо чу дарранда раъд,
Сипаҳро бифармуд Саъди далер,
Биёростанд размро ҳамчу шер.
Биёмехтанд он ду лашкар ба ҳам,
Абар ҷойгаҳ–бар фишурда қадам.
2. Л – ба миён гард.
3. Л – Чу оташ паси пардаи
4. ТП – Ба бар-бар силеҳи гарон доштанд,
Ҳамоворд найзаварон доштанд.
5. ТПМ – Чу Рустам ба ҷанг- андарун бингарид,
Сари номдорон ҳама кушта дид.

www.sattor.com

Хурӯше баровард бар сони раъд
Аз ин рӯй Рустам, аз он рӯй Саъд.

Бирафтанд ҳар ду зи қалби сипоҳ,
Ба яд сӯ кашиданд аз овардгоҳ.

Чу аз лашкар он ҳар ду танҳо шуданд,
Ба зери яке тундболо шуданд.

Ҳаме тохтанд андар овардгоҳ
Ду солор, ҳар ду ба дил кинахоҳ.[1]

Хурӯше баромад зи Рустам чу раъд,
Яке теғ зад бар сари аспи Саъд.

Чу аспи набард андаромад ба сар,
Ҷудо гашт аз ӯ Саъди пархошх(в)ар.

Бароҳехт Рустам яке теғи тез,
Бад-он, то намояд яке[2] растахез.

Ҳаме хост аз тан сарашро бурид,
Зи гарди сиёҳ ин мар онро надид.[3]

Фуруд омад аз пушти зини паланг,
Бизад бар камар, бар сари полаҳанг.[4]

Бипӯшид дидори Рустам зи гард,
Бишуд Саъд пӯён ба дашти набард.[5]

Яке теғ зад бар сари тарки ӯй,
Ки хун андаромад зи торак ба рӯй.

---

1. Л –Пас аз б. 225 ин б. омада:
   Тани Рустам аз ташнагӣ нотавон,
   Бикӯшид, лекин, зи баҳри равон.
2. Л –бад-ӯ
3. Л –Зи рахшандаи теғ аспаш рамид
4. Л –Пас аз б. 229 ин б. омада:
   Чу бар синаи Саъд Рустам нишаст,
   Гирифт он сару риши ӯро ба даст.
   Бар он рӯи майдон кашидаш ба рӯй,
   Раҳо шуд ба ҷон Саъд аз дасти ӯй.
5. Л – Аз он ҷой барҷаст он шермард,
   Бари Рустам омад ба кирдори гард.

www.sattor.com

Чу дидори Рустам зи хун тира гашт,
Ҷаҳонҷуи тозӣ бар ӯ чира гашт.[1]

Дигар[2] теғ зад бар сару горданаш,
Ба хок- андар афканд ҷангӣ танаш.

Сипоҳи дуруя худ огоҳ не,
Касеро сӯи паҳлавон роҳ не.

Ҳаме ҷуст мар паҳлавонро сипоҳ,
Бирафтанд то пеши овардгоҳ.

Бидидандаш аз дур, пурхуну хок
Саропой гашта ба шамшер чок.

Ҳазимат гирифтанд эрониён,
Басе номвар кушта шуд дар миён,

Басе ташна бар зин бимурданд низ,
Пур омад зи шоҳон ҷаҳонро қафиз,[3]

Сӯи шоҳи Эрон биёмад сипоҳ,
Шаби тираву рӯз тозон ба роҳ.[4]

Ба Бағдод буд он замон Яздгирд,
Ки ӯро сипоҳ андаровард гирд.

РОЙ ЗАДАНИ ЯЗДГИРД БО ЭРОНИЁН ВА РАФТАН СӮИ ХУРОСОН

Фарухзоди Ҳурмузд бо оби чашм
Аз Арвандрӯд андаромад ба хашм.[5]

---

1. Л –б. 231, 232 нест.
2. Л – Яке
3. ТПЗЛМ– Чу моя бикуштанд аз эронсипоҳ,
   Ҳама кушта диданд бар дашту роҳ.
4. ТПЗ – Чу Рустам ба ҷанг андарун кушта шуд,
   Сари номдорон ҳама гашта шуд.
   Сипоҳи мусулмон пас- андар дамон,
   Ҳаме шуд ба кирдори шери жаён.
5. ТПЗ – Бигуфтанд бо ӯ, ки Рустам намонд,
   Аз он ғам ба дарё- дарун нам намонд.
   Бикуштанд чанде зи эронсипоҳ,
   Дигар бозгаштанд аз он размгоҳ.

www.sattor.com

Ба Карх андаромад, яке ҳамла бурд,
Ки аз найзадорон намонд эч гурд.

Якояк[1] зи Бағдод берун шуданд,
Сӯи разм ҷустан ба ҳомун[2] шуданд.[3]

Фарухзод баргашту шуд назди шоҳ
Пур аз гард бо олати размгоҳ.

Фуруд омаду бурд пешаш[4] намоз,
Ду дида пур аз хуну дил пургудоз.[5]

Бад-ӯ гуфт: «Чандин[6] чӣ мӯӣ ҳаме,
Ки тахти[7] каёнро бишӯӣ ҳаме.

Зи тухми каён кас ҷуз аз ту намонд,
Ки бо тоҷу бар тахт шояд нишонд.

Туӣ як тану душманат сад ҳазор,
Миёни ҷаҳон чун кунӣ корзор?

Бирав то сӯи[8] бешаи Норван,
Ҷаҳоне шавад бар ту-бар анҷуман.

В-аз он ҷойгаҳ чун Фаридун бирав,
Ҷавонӣ, яке кор барсоз нав».

Фарухзод гуфту сипаҳбад шунид,
Яке тоза андеша омад падид.

Биёмад шаҳаншоҳи бофар ба гоҳ,
Ба сар барниҳод он каёнӣ кулоҳ.

Аз он ҷо ба Карх андаромад сипоҳ,
Ҳам аз порсӣ, ҳам зи тозӣ ба роҳ.

1. Л – Ҳамон гаҳ
2. ИЛ – Бикуштанд чандеву пурхун
3. ТП – Чу бархост гарди набард аз миён,
Шикаст андаромад ба эрониён.
4. ИЛ – омад аз аспу бурдаш
5. Л – тан дар гудоз.
6. Л – Шоҳо,
7. Л – тоҷи
8. И – Бишав то сари

www.sattor.com

Яке анҷуман кард бо бихрадон,
Бузургону бедордил мӯбадон.

«Чӣ бинед, – гуфт,-- андар ин достон?
Чӣ доред ёд аз гаҳи бостон?»

Фарухзод гӯяд, ки «бо[1] анҷуман
Гузар кун бари[2] бешаи Норван.

Ба Омул парастандагони туанд,
Ба Сорӣ ҳама бандагони туанд.

Чу лашкар фаровон бувад, бозгард,
Ба мардум тавон кард нангу набард».[3]

Шуморо писанд ояд ин гуфти ӯй?
Ба овоз гуфтанд, к-«ин аст рӯй».

Шаҳаншоҳ гуфт: «Ин на андах(в)ар аст,
Маро дар дил андешаи дигар аст.

Бузургони Эрону чандон сипоҳ,
Бару буми ободу тахту кулоҳ--

Сари хеш гирам, намонам[4] ба ҷой,
Бузургӣ набошад, на мардӣ, на рой.

Маро ҷанги душман беҳ ояд зи нанг,
Яке достон зад бар ин-бар паланг,

Ки хира ба бадхоҳ манмой пушт,
Чу пеш оядат рӯзгори дурушт.

Чунон ҳам, ки кеҳтар ба фармони шоҳ
Баду нек бояд, ки дорад нигоҳ.

Ҷаҳондор бояд, ки ӯро ба ранҷ
Намонад ба ҷову шавад сӯи ганҷ».

---

1. Л – бе
2. Л – сӯи
3. ТПМ – Ба лашкар чунин гуфт он гоҳ шоҳ,
Ки «эй баргузида сарони сипоҳ».
4. Л – бимонам

www.sattor.com

Бузургон бар ӯ хонданд офарин,
Ки ин аст оини шоҳони дин.

Нигаҳ кун, кунун то чӣ фармон диҳӣ,
Чӣ хоҳиву бар мо чӣ паймон ниҳӣ?

Меҳонро чунин посух овард шоҳ,
К-«аз андеша гардад ҳама дил табоҳ.[1]

1. Пас аз б. 268 ин б. омада:
Яке бори дигар бисозем ҷанг,
Магар бахти гумкарда ояд ба чанг.
Сипаҳро зи ҳар сӯ биёвард гирд,
Фарухзодро гуфт пас Яздгирд,
Ки «лашкар бурун бар сӯи размгоҳ,
Ки танг андаромад зи душман сипоҳ.
Бурун рафт аз эрониён лашкаре,
Ки аз рахташон пур шавад кишваре».
Чу лашкар ба якдигар омад фароз,
Сӯи ҷанг шуд он ки буд размсоз.
Чунон гашт гетӣ зи гарди сипоҳ,
Ки шуд чеҳри рӯзи дурафшон сиёҳ.
Баромад зи ҳар ду сипаҳ бӯқу кӯс,
Рухи баддилон гашт чун сандарӯс.
Ҳама номдорони эрониён
Яке ҳамла бурданд андар миён.
Бикуштанд аз он тозиён бешумор,
Бипайваст бар ҳар сӯе корзор.
Зи гурзи гарону зи шамшери тез
Барангехтанд аз ҷаҳон растахез.
Бикуштанд чандон зи ҳар ду гурӯҳ,
Ки овардгаҳ шуд ба кирдори кӯҳ.
Чунон андар он разм овехтанд,
Ки гуфтӣ, ба ҳамшон баромехтанд.
Ҳама тарку ҷавшан пур аз хун шуда,
Зи хун рӯи саҳро чу Ҷайҳун шуда.
Ҳама рӯз буданд гурдон ба ҷанг,
Баровехта ҳамчу шеру паланг.
Чу бинмуд шаб он дурафши сиёҳ,
Зи ҳар сӯ ба лашкаргаҳ омад сипоҳ.
Аз эрониён кушта шуд сӣ ҳазор
Саворони ҷанговари корзор.
Бад-он шаб нишастанд гурдон ба ҳам,
Гузиданд мардон чу шери дижам.
Бикарданд он размҷӯён шумор,
Ба гирд омад аз номвар шаш ҳазор
Бихӯрданд савганд як бо дигар,
Ки фардо ҷуз аз мо набандад камар.
Чу барзад сар аз чархи гарданда шед,
Замин гашт аз ӯ чун ҳарири сафед.
Ҳаме кард бар абри ғуррон фусӯс
Дар он дашти бекор овои кӯс.

www.sattor.com

Ҳамон беҳ,[1] ки сӯи Хуросон шавем,
Зи пайкори душман таносон шавем,

К-аз он сӯ фаровон маро лашкар аст,
Ҳама паҳлавонони кундовар аст.

Бузургони туркону хоқони Чин
Биёянду бар мо кунанд офарин.

Бар он дӯстӣ низ бешӣ кунам,
Або духти Фағфур хешӣ кунам.

Ба ёрӣ биёяд сипоҳе гарон
Бузургони Тӯрону ҷанговарон.

Куноранг мард аст Моҳӯй низ,
Або лашкару пилу ҳар гуна чиз.

Куҷо пешкори шубонони мост,
Баровардаи даштбонони мост.

Варо баркашидам, ки гӯянда буд,
Ҳам он размро низ ҷӯянда буд.

Фарухзод лашкар-ҳама яксара
Биёрост бо маймана, майсара.
Ниҳода ба сар тоҷ фархунда шоҳ,
Абар пил биншаста бар қалбгоҳ.
Саворони номовар аз баҳри лоф
Ба овард берун шуданд аз масоф.
Зи эрониён шуд ҳамон шаш ҳазор,
Ки аз кина омад сӯи корзор.
Баровехтанд бо ҳама тозиён,
Набуд тозиёнро аз эшон зиён.
Чунон ҷангашон гашт якбора сахт,
Ки шуд диръ бар тан ҳама лахт-лахт.
Ба ёрӣ шуданд он замон дигарон,
Ки аз тозиён буд сипоҳе гарон.
Дар он разм чандон сипаҳ кушта шуд,
Ки аз хун замин чун гил оғушта шуд.
Ба якбор бар лашкар омад шикаст,
Ки бисёр куштанд абар пили маст.
Ба лашкар чунин гуфт бедор шоҳ,
К-«аз ин разм рӯй андарорам ба роҳ».

1. Л – Ҳамоно

www.sattor.com

Чу беарзро ном додем Арз,
Кунорангиву пилу мардону марз.

Агарчанд бемояву бетан аст,
Баровардаи боргоҳи ман аст.

Зи мӯбад шунидастам ин достон,
Ки бархонд аз гуфтаи бостон,

Ки парҳез аз он кун, ки бад кардаӣ,
Ки ӯро ба беҳуда озурдаӣ.

Бад-он дор уммед, к-ӯро ба меҳр
Сар аз нестӣ бурдаӣ бар сипеҳр.

Ман ӯро наёмурзам аз ҳеҷ рӯй,
Зи душман бувад ин замон киначӯй.[1]

Фарухзод бар ҳам бизад ҳар ду даст,
Чунин гуфт, к-«эй шоҳи яздонпараст!

Ба бадгавҳарон-бар бас эмин машав,
Ки инро яке достон аст нав,

Ки ҳарчанд бар гавҳар афсун кунӣ,
Бикӯшӣ, к-аз ин ранҷ берун кунӣ.

Чу парвардгораш чунон офарид,
Ту бар банди Яздон наёбӣ калид».[2]

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй ҳижабри жиён,
Аз ин озмоиш надорам зиён».

Бибуд он шабу бомдоди пагоҳ,
Гаронмоягон баргирифтанд роҳ.

1. ИЛ – б. 282 нест.
2. И – б. 286 нест.
ТПИЛМ – Аз аспон* бипурсанд рангу нажод,
Туро ҷуз бузургиву шодӣ мабод.

* ИЛ – эшон

www.sattor.com

Зи Бағдод роҳи Хуросон гирифт,
Ҳама ранҷҳо бар тан[1] осон гирифт.

Бузургони Эрон ҳама пур зи дард
Бирафтанд бо шоҳи озодмард.

Бар ӯ-бар ҳаме хонданд офарин,
Ки бе ту мабодо замону замин!

Хурӯше баромад зи лашкар ба зор
Зи тимору аз рафтани шаҳрёр.

Аз эшон ҳар он кас, ки деҳқон буданд,
Зи тухму нажоди[2] бузургон буданд--

Хурӯшон бари шаҳрёр омаданд,
Ҳама дидаҳо ҷӯйбор[3] омаданд,[4]

Ки моро дил аз буму оромгоҳ
Чӣ гуна бувад шод бе рӯи шоҳ?

Ҳама бум ободу фарзанду ганҷ
Бимонему бо ту гузинем ранҷ.

Замона нахоҳем бе тахти ту,
Мабодо, ки печон шавад бахти ту.

Ҳама бо ту оем, то рӯзгор
Чӣ бозӣ кунад дар дами корзор.

Зи эрониён он ки буд чарбгӯй,
Ба хоки сияҳ барниҳоданд рӯй,

Ки мо буми обод бугзоштем,
Ҷаҳон дар паноҳи ту пиндоштем.

1. Л – дил
2. Л – Ба Эрон зи пушти
3. Л – дида чун навбаҳор
4. ТПЗЛ – Бигуфтанд: «Аё шоҳ, мо бандаем,
Тану ҷон ба меҳри ту огандаем».

www.sattor.com

Кунун доғдил пеши хоқон шавем,
Зи Эрон сӯи марзи Тӯрон шавем.[1]

Шаҳаншоҳ мижгон пур аз об кард,
Чунин гуфт бо номдорон ба дард,[2]

Ки «яксар ба Яздон ниёиш кунед,
Ситоиш варо дар физоиш кунед.[3]

Магар боз бинам шуморо яке,
Шавад неруи тозиён андаке.[4]

Ҳама[5] пок парвардгори манед,
Ҳамон аз падар ёдгори манед.

Нахоҳам, ки ояд шуморо газанд,
Мабошед бо ман ба бад ёрманд.[6]

Бубинем, то гирди гардонсипеҳр
Аз ин пас ҳаме бар кӣ гардад ба меҳр.[7]

Шумо соз гиред бо пойи ӯй,
Гузар нест аз гардишу ройи ӯй».

Аз он пас ба бозоргонони Чин
Чунин гуфт, к-«акнун ба Эронзамин-

Мабошед якчанд, к-аз тозиён
Бар ин суд чустан сар ояд зиён».[8]

Аз ӯ бозгаштанд бо дарду ҷӯш
Зи тимор бо нолаву бо хурӯш.

---

1. Л –б. 299–302 нест.
2. Л – Шаҳаншоҳ бо дарду бо оби чехр
Яке посух овард бо доду мехр.
3. Л – Ба озодагон гуфт, к-«аз меҳру дод
Сухан чун бар ин гуна гардад ба ёд».
4. Л – б. 304 нест.
5. Л – Шумо
6. Л – б. 306 нест.
7. Л – Битарсед аз кирдгори сипехр,
Чи фармояд ӯ, бо кӣ гардад ба меҳр.
8. Л – б. 309 нест.

www.sattor.com

Фарухзоди Ҳурмузд лашкар биронд,
Аз Эрон ҷаҳондидагонро бихонд.

Чунин рафт бо нолаву дард шоҳ,
Сипаҳбад ба пеш - андарун бо сипоҳ.

Чу манзил ба манзил биёмад ба Рай,
Баросуд якчанд[1] бо руду май.

Зи Рай сӯи Гургон бaромад чу бод,
Ҳаме буд якчанд ношод шод.

Зи Гургон биёмад сӯи роҳи Буст
Пурожанг рухсору дил нодуруст.

НОМАИ ЯЗДГИРД БА МОҲУИ СУРӢ ВА БА МАРЗБОНОНИ ХУРОСОН

Ҷаҳондор чун кард оҳанги Марв,[2]
Ба Моҳуи Сурӣ куноранги Марв

Яке нома бинвишт бо дарду хашм,[3]
Пур аз орзу дил, пур аз об чашм.[4]

Дабири ҷаҳондидаро пеш хонд,
Дил оганда будаш, ҳаме[5] барфишонд.

Нахуст офарин кард бар кирдгор,
Худованди донову парвардгор.

Худованди гарданда Баҳрому Ҳур,
Худованди пилу худованди мӯр.

Кунад, чун бихоҳад, зи ночиз чиз,
Ки омӯзгораш набояд баниз.

1. Л – Бибуду баросуд
2. Л – Зи шоҳи сарафрози озодасарв
3. Л – ранҷ,
4. Л – Ки омад ба рӯяш аз тоҷу ганҷ?
5. Л – ҳама

www.sattor.com

Бигуфт он ки моро биёмад ба рӯй
В-аз ин подшоҳӣ бишуд рангу бӯй.

Зи Рустам куҷо кушта шуд рӯзи ҷанг,
Зи тимор бар мо ҷаҳон гашт танг.

Ба дасти яке, Саъди Ваққос ном--
На буму на зоду на дониш, на ком.

Кунун то дари Тайсафун лашкар аст,
Ҳамон роғу беша ба пеш андар аст.

Ту бо лашкарат размро соз кун,
Сипаҳро бар ин-бар ҳамовоз кун.[1]

Ман, инак, паси нома бар сони бод
Биёям ба назди ту, эй покзод![2]

Фиристодаи дигар аз анҷуман
Гузин кард бинодилу ройзан.

НОМАИ ЯЗДГИРД БА МАРЗБОНОНИ ТӮС

Яке нома бинвишт дигар ба Тӯс
Пур аз хун дилу рӯй чун сандарӯс.

Нахуст офарин кард бар додгар,
К-аз ӯ дид нерӯву бахту ҳунар.

Худованди пирӯзиву фарраҳӣ,
Худованди дайҳими[3] шоҳаншаҳӣ.

---

1. ТПЗЛ – Ман андар Нишопур як ҳафта беш
Набошам, ки ранҷи дароз аст пеш.
Ба Марв ояму кас фиристам бад-ин,
Ба хоқони Турку ба фағфури Чин.
В-аз эшон бихоҳам фаровон сипоҳ,
Магар бахти баргашта ояд ба роҳ.*
*Л – ин б. нест.
2. ТПЗ – Ҳаюне барафканд бар сони бод
Ба наздики Моҳуи суринажод.
3. И –дайҳиму

www.sattor.com

Пайи пашша то парри паррон уқоб,
Ба хушкӣ чу пилу наҳанг андар об,

Зи фармону паймони ӯ нагзарад,[1]
Дами хеш бе ройи ӯ нашмарад.[2]

Зи шоҳи ҷаҳон Яздгирди бузург--
Падар номвар шаҳрёри сутург.

Сипаҳдори Эрону пирӯзгар,
Нигаҳбони ҷунбандаву буму бар.

Зи тухми бузургони яздоншинос,
Ҳаме тоҷдорон аз[3] ахтаршинос,

К-аз эшон шуд обод рӯи замин,
Фурӯзандаи тоҷу тахту нигин.

Сӯи марзбонони бодастгоҳ,[4]
Ки бо фарру бурзанду бо доду роҳ.

Шамирону Рӯиндижу Робакӯҳ,
Калот аз дигар дасту дигар гурӯҳ.

Нигаҳбони мо бод парвардгор,
Шумо бегазанд аз бади рӯзгор.

Ҳамоно шуниданд гарданкашон,
Ханида шуд андар ҷаҳон ин нишон,

Ки бар корзориву марду нажод,
Дили мо пурозарму меҳр асту дод.

Бавижанажоди шуморо, ки ранҷ
Фузун аст наздики шоҳон зи ганҷ.

Чу Баҳроми Чӯбина омад падид,
Зи фармону дайҳими шаҳ[5] сар кашид.

1. ИЛ – нагзаранд,
2. ИЛ –нашмаранд.
3. Л –Агар тоҷдоранд, ар
4. Л – ганҷу гоҳ,
5. Л – мо

www.sattor.com

Шуморо сар аз шаҳрҳои фарох
Бупечиду аз боғу майдону кох.

Бад-ин бенишон роғу кӯҳи баланд
Када сохтед аз ниҳеби газанд.

Гар эдун, ки нерӯ диҳад кирдгор,
Ба коми дили мо шавад рӯзгор.

Ба подоши некӯ физоиш кунем,
Мар ин пешдастӣ ситоиш кунем.

Ҳамоно, ки омад шуморо хабар,
Ки моро чӣ омад зи ахтар ба сар?

Аз ин морхор аҳриманчеҳрагон,
Зи доноиву шарм бебаҳрагон[1]--

На ганҷу на тахту на ному нажод,
Ҳаме дод хоҳанд гетӣ ба бод.[2]

Чунин гашт паргори чархи баланд,
Ки ояд бад-ин подшоҳӣ газанд.

Аз ин зоғсорони беобу ранг
На ҳушу на дониш, на ному на нанг.[3]

Анӯшервон дида буд ин ба хоб,
К-аз ин тахт бипроганад рангу тоб.

Чунон дид, к-аз тозиён сад ҳазор
Ҳаюнони масту[4] гусистамаҳор

---

1. Л – Аз ин морхор аҳриманчеҳр чанд,
На ганҷу на тахту на номи баланд.
2. ТПИЛМ – Басе ганҷу гавҳар пароканда шуд,
Басе сар ба хок - андар оганда шуд.
3. ТПЛ – Бад-ин тахти шоҳӣ ниҳодаст* рӯй
Шикамгурсна марди** дайҳимҷӯй.
* Л – ниҳоданд ** Л – ком
4. Л – масти

www.sattor.com

Гузар ёфтандӣ ба[1] Арвандрӯд,
Ба чархи зуҳал баршудӣ тира дуд.[2]

Ба Эрону Бобул зи кишту дуруд
Намондӣ худ аз буму бар тору пуд.[3]

Ҳам оташ бимурдӣ ба оташкада,
Шудӣ тира Наврӯзу ҷашни Сада.

Аз айвони шоҳи ҷаҳон кунгура
Фитодӣ ба майдони ӯ яксара.

Кунун хобро посух омад падид,
Зи мо бахт гардан бихоҳад кашид.

Шавад хор ҳар кас, ки буд арҷманд,
Фурӯмояро бахт гардад баланд.

Пароканда гардад бадӣ дар ҷаҳон,
Газанд ошкорову хубӣ[4] ниҳон.

Ба ҳар кишваре-дар ситамкорае
Падид ояду зишт[5] патёрае.

Нишони шаби тира омад падид,
Ҳаме рӯшноӣ бихоҳад бурид.

Кунун мо ба дастурии раҳнамой,
Ҳамон паҳлавонони покизарой,

Ба сӯи Хуросон ниҳодем рӯй,
Бари марзбонони пархошҷӯй.[6]

Бубинем, то гардиши рӯзгор
Чӣ гӯяд бад-ин ройи[7] ноустувор.

1. Л – зи
2. Л – Зи буму зи бар гум шуда тору пуд.
3. Л – Ба бурҷи ҳамал баршудӣ тира худ.
4. Л – некӣ
5. Л – оварад зуд
6. Л – Сӯи паҳлавонони пайкорҷӯй: И – дайҳимҷӯй.
7. Л – бандад бар ин банди

www.sattor.com

Пас акнун зи баҳри кунoранги Тӯс
Бад-ин сӯ кашидем пилону кӯс.[1]

Фарухзод бо мо зи як пӯст аст,
Ба пайвастагӣ низ ҳам дӯст аст.

Ба Алтуния ӯ кунун размҷӯй
Сӯи ҷанги душман ниҳодаст рӯй.

Кунун Кашмагон-пури он некхоҳ
Бари мо биёмад бар ин размгоҳ.

Бигуфт он ки бояд зи шоистагӣ,
Ҳам аз бандагӣ, ҳам зи боистагӣ.

Шунидем аз ин марзҳо, ҳар чӣ гуфт,
Баландиву пастиву розу нуҳуфт.

Зи ҳар гуна бинмуд он дилгусил,
Зи хубӣ намуд, он чи будаш ба дил.[2]

Чунин лашкари гашн бо мо ки ҳаст,
Бад-ин тангдижҳо нашояд нишаст.

Дижи Гунбадинкӯҳ[3] то Харбуна,
Дижи Ложвардин зи баҳри буна.[4]

Нишастему гуфтем бо ройзан,
Ҳама паҳлавонон шуданд анҷуман.

Зи ҳар гуна гуфтему андохтем,
Саранҷом яксар бад-ин сохтем,

Ки аз тоҷу аз тахту мӯҳру нигин
Ҳамон ҷомаи Руму Кашмиру Чин,

1. ТПЗ – Миёнро бубастам кунун размҷӯй,
Ки бо тозиён андарорем рӯй.
2. ТПИ – Аз ин боргаҳ шуд ба ҳар ҷой кас,
Ба наздики ёрони фарёдрас.*
* Л – Сагу юзбонони моро на бас.
3. Л – гунбадинтеғ
4. ТПИЛ – Ҳама ҳар чи аз мо парокандаист,
Гар аз пушинӣ, гар зи афкандаист.

www.sattor.com

Зи пурмоя чизе ки ояд ба даст,
Зи Руму зи Тоиф, ҳама ҳар чи ҳаст,

Зи зарринаву ҷомаи нобурид,
Зи чизе, ки онро бишояд кашид.

Ҳам аз хӯрданиҳову ҳар гуна соз,
Ки моро бибояд ба рӯзи ниёз.

Зи говони гардункашон чил ҳазор,
Гурунҷ оваранд, он ки ояд ба кор.[1]

Ба харвор аз он пас[2] даҳу ду ҳазор,
Ба хӯша - дарун гандум оранд бор.

Ҳамон арзану пиставу нордон
Биёрад яке мӯбади кордон.

Шутурвор з-ин ҳар яке ду ҳазор,
Ҳаюнони бухтӣ биёранд бор.

Ҳамон говгардун ҳазор аз намак
Биёранд, то бар чӣ гардад фалак.

Зи хурмо ҳазору зи шаккар ҳазор
Бувад сохта, рост карда шумор.

Даҳу ду ҳазор ангубин кандура
Ба дижҳо кашанд он[3] ҳама яксара.

Намакхӯрда ҳар гӯшт чун чил ҳазор
Зи ҳар сӯ ба дижҳо кашад пешкор.

Шутурвор сесад зи нафти сиёҳ
Биёранд бар борҳо то ду моҳ

Биёяд яке мӯбаде бо гурӯҳ
Зи гоҳи Шамирону аз Робакӯҳ.

1. Л – Биринҷ оваранд андар ин рӯзгор.
2. Л – сӯ
3. Л –ин

www.sattor.com

Ба дидори пирону фарҳангиён,
Бузургон киানд аз кунорангиён.

Ба ду рӯз нома ба дижҳо ниҳед,[1]
Яке нома ганҷури моро диҳед.[2]

Дигар худ бидоред бо хештан,
Бузургон, ки бошед аз он анҷуман.

Ҳамоно бад-он роғу кӯҳи баланд
Зи турку зи тозӣ наёяд газанд.

Шуморо бад-ин рӯзгори сутург
Яке даст бошад бари мо бузург.

Ҳунарманду гӯянда[3] дастури мо
Бифармояд акнун ба ганҷури мо,

Ки ҳар кас, ки инро биёрад ба ранҷ,
Фиристад варо порсӣ ҷома панҷ.

Яке хуб сарбанди пайкар ба зар
Биёмад аз ин ранҷ фарҷом- бар.

Бад-ин рӯзгори табоҳу дижам,
Ҳар он кас, ки ҳастанд бо мо ба ҳам,

Физоем бар рӯзии зердаст,
Яке з-ин дирамҳо, ки ояд ба шаст.

Аз он шаст бар сар шашу чор донг
Биёрад набишта, бихонад ба бонг.

Ба як руй бар номи Яздони пок,
К-аз ӯяст уммеду ҳам тарсу бок.

Дигар пайкараш афсару чеҳри мо,
Замин борвар гашта аз меҳри мо.

1. Л – ниҳанд,
2. Л – диҳанд.
3. Л – покиза

www.sattor.com

Ба Наврӯзу Меҳр он ҳам ороста,
Ду ҷашни бузург асту бохоста.

Дуруди ҷаҳонбон бар он родмард,
Касе, к-ӯ зи дайҳими мо ёд кард.

Чу нома ба мӯҳр андаровард шоҳ,
Фиристод зӣ меҳтарони сипоҳ.

Баландахтаре номҷӯву савор
Биёмад ба каф номаи шаҳрёр.

РАФТАНИ ЯЗДГИРД БА ТӮС ВА ПАЗИРА ШУДАНИ МОҲУИ СУРӢ ӮРО

Аз он ҷойгаҳ баркашиданд кӯс,
Ба Бусту[1] Нишопур шуд то ба Тӯс.

Хабар ёфт Моҳуи Сурӣ зи шоҳ,
Ки аз марзи Тӯс андаромад сипоҳ.

Пазира шудаш бо сипоҳе гарон,
Ҳама найзадорону ҷавшанварон.

Чу пайдо шуд он фарру авранги шоҳ,
Дирафши бузургеву чандин сипоҳ.

Пиёда шуд аз асп Моҳуй зуд,
Бад-он кеҳтарӣ бандагиҳо фузуд.

Ҳаме рафт нарм аз бари хоки гарм,
Ду дида пур аз об карда зи шарм.

Заминро бибӯсиду бурдаш намоз,
Ҳаме буд пешаш замоне дароз.

Сипоҳаш ҳама хонданд офарин,
Якояк ниҳоданд сар бар замин.

Фарухзод чун рӯи Моҳуй дид,
Саросар сипоҳаш рада баркашид.

1. Л – Зи шаҳри

www.sattor.com

Зи Моҳуи Сурӣ дилаш гашт шод,
Бар ӯ-бар басе пандҳо кард ёд,[1]

Ки ин шоҳро аз нажоди каён
Супурдам туро, то бубандӣ миён.

Набояд, ки боде бар ӯ барҷаҳад
В-агар кас сипосе бар ӯ барниҳад.

Маро рафт бояд сӯи марзи Рай,
Надонам, ки кай донам[2] ин тоҷи Кай,

Ки чун ман фаровон ба овардгоҳ
Шуд аз ҷанги он найзадорон табоҳ.

Чу Рустам саворе ба гетӣ набуд,
На гӯши хирадманд ҳаргиз шунуд.

Ба дасти яке зоғсар[3] кушта шуд,
Ба мо-бар чунин рӯз баргашта шуд,

Ки Яздон варо ҷои некон диҳод,
Сияҳзоғро дарди пайкон диҳод!

Бад-ӯ гуфт Моҳуй, к-«эй паҳлавон,
Маро шоҳ чашм асту равшан равон.

Пазируфтам ин зинҳори туро,
Сипеҳри туро, шаҳрёри туро.

Фарухзоди Ҳурмузд аз он ҷойгоҳ
Сӯи Рай биёмад ба фармони шоҳ.

Бад-ин низ бугзашт чанде сипеҳр,
Ҷудо шуд зи мағзи бадандеш меҳр.[4]

---

1. ТПС – Ба Моҳуи Сурӣ Фарухзод гуфт
Бад-он гаҳ, ки букшод роз аз нуҳуфт.
2. Л – бинам
3. Л – теғи яке теғзан
4. ТПЗ – Наёраст шуд пешашон кас ба ҷанг,
Ки буд ёрашон чархи фирӯзранг.
Рухи шоҳи Эрон пурожанг шуд
В-аз он кори душман дилаш танг шуд.

www.sattor.com

Шубонро ҳаме кард тахт орзуй,
Дигаргунатар шуд ба оину хӯй.

Тани хеш якчанд бемор кард,
Парастидани подшаҳ хор кард.

БАРАНГЕХТАНИ МОҲУИ СУРӢ БЕЖАНРО БА ҶАНГИ ЯЗДГИРД ВА ГУРЕХТАНИ ШОҲ ДАР ОСИЁ

Яке паҳлавон буд густурдаком,
Нажодаш зи Тархону Бежан ба ном.

Нишасташ ба шаҳри Самарқанд буд,
Дар он марз чандеш пайванд буд.

Чу Моҳуи бадбахт худкома шуд,
Аз ӯ назди Бежан яке нома шуд.

Ки эй паҳлавонзодаи бегазанд,
Яке разм пеш омадат судманд,

Ки шоҳи ҷаҳон бо сипоҳ эдар аст,
Або тоҷу гоҳ асту бо афсар аст.

Гар ойӣ, сару тоҷу гоҳаш турост,
Ҳамон ганҷу чатри сиёҳаш[1] турост.

Зи кини ниёкон ба дил ёд кун,
Бад-ин тухма бар дод бедод кун.

Чу Бежан нигаҳ карду он нома дид,
Ҷаҳон пеши Моҳуи худкома дид.

Ба дастур гуфт: «Эй сари ростон,
Чи дорӣ ба ёд андар ин достон?

Чу Моҳуй мар шоҳро монда дид,
Ба бекоми ӯ бахти ӯ ронда дид.

1. Л – чира сипоҳаш

www.sattor.com

Ба ёрии Моҳуй гар ман сипоҳ
Биронам, шавад корам эдар табоҳ?»[1]

Чунин дод дастур посух бад-ӯй,
Ки «эй шердил, марди пархошҷӯй!

Аз эдар туро нанг бошад шудан
Ба ёрии Моҳую боз омадан.

Ба гуфтори Сурӣ шавӣ сӯи ҷанг,
Сабуксор хонад туро марди санг.

Ба Барсом фармой, то бо сипоҳ
Ба ёрӣ шавад сӯи ин размгоҳ».

Чунин гуфт Бежан, ки «ин аст рой,
Маро худ наҷунбид бояд зи ҷой».

Ба Барсом фармуд, то даҳ ҳазор
Набардасаворони ханҷаргузор

Ба Марв ораду[2] този ҷанг оварад,
Магар тахти[3] Эрон ба чанг оварад.

Сипоҳ аз Бухоро чу паррон тазарв
Ба як ҳафта омад сӯи шаҳри Марв.

Шаби тира, ҳангоми бонги хурӯс
Аз он дашт бархост овои кӯс.

Шаҳаншоҳ аз он худ на огоҳ буд,
Ки Моҳуи Суриш бадхоҳ буд.

Хурӯше баромад ҳам андар замон,
Саворе сӯи хусрав омад дамон,

1. ТПЗИЛ – Ба ман-бар кунад шоҳ чандин фусӯс,
Маро беманиш хонаду чоплус
В-агарна бигӯянд, к-аз бим кард,
Ҳаме тарсад аз рӯзгори набард.

2. ИЛ – ояду
3. Л – ганҷи

www.sattor.com

Ки Моҳуй гӯяд, ки омад сипоҳ
Зи туркон, кунун бар чӣ рой аст шоҳ?

Сипаҳдор хон аст Фағфури Чин,
Сипоҳаш ҳаме барнатобад замин.

Барошуфту ҷавшан бипӯшид шоҳ,
Фароз омаданд аз ду рӯя сипоҳ.[1]

Баророст бо маймана, майсара,
Ба ҷанг андаромад сипаҳ яксара.

Ҳаме буд то найза дар қалбгоҳ,
Шуд аз гард гетӣ саросар сиёҳ.

Чу нерӯи пархоши туркон бидид,
Бизад дасту теғ аз миён баркашид.

Ба пеши сипоҳ андаромад чу пил,
Замин шуд ба кирдори дарёи Нил.

Чу бар лашкари турк-бар ҳамла бурд,
Паси пушти ӯ худ намонд эч гурд.

Ҳама пушт бар тоҷвар гоштанд,
Миёни саворон-ш бугзоштанд.

Чу баргашт Моҳуй, шоҳи ҷаҳон
Бидонист найранги ӯ дар ниҳон.

Чунин буд Моҳуйро рою роҳ,
Ки ӯ монад андар миёни сипоҳ.

Шаҳаншоҳ дар ҷанг мардӣ намуд,
Далериву тундиву гурдӣ намуд.

Фаровон аз он номдорон бикушт,
Чу бечоратар гашт, бинмуд пушт.

Зи туркон басе дар паси пушти ӯй,
Яке кобулӣ теғ дар мушти ӯй.

1. ТПЗЛ – Рада баркашиданду баршуд хурӯш,
Сипаҳдори Эрон баромад ба ҷӯш.

www.sattor.com

Ҳаме тохт ҷӯшон чу аз абр[1] барқ,
Яке осиё дид бар[2] оби Зарқ.

Фуруд омад аз асп шоҳи ҷаҳон,
Зи бадхоҳ дар осиё шуд ниҳон.

Саворон ба ҷустан ниҳоданд рӯй,
Ҳама Зарқ аз ӯ шуд пур аз гуфтугӯй.

Аз ӯ бозмонд аспи зарринситом,
Ҳамон гурзу шамшери зарринниём.

Ба ҷустан-ш туркон хурӯшон шуданд,
Аз он бораву соз ҷӯшон шуданд.

Ниҳон шоҳ дар хонаи осиё,
Нишаст аз бари хушклахте гиё.

Чунин аст расми сарои фиреб,
Фарозаш баланд асту пасташ нишеб.

Бад-он гаҳ, ки бедор буд бахти ӯй,[3]
Ба гардан кашидан[4] фалак тахти ӯй.[5]

Кунун осиёе биёмад-ш баҳр,
Зи нӯшаш фаровон фузун буд заҳр.[6]

Чӣ бандӣ дил андар сарои фусус,
Ки ҳазмон ба гӯш ояд овои кӯс?

Хурӯше барояд, ки барбанд рахт,
Наёбӣ ҷуз аз тахтаи гӯр тахт.

Даҳон ночарида, ду дида пуроб
Ҳаме буд, то сар кашид офтоб.

1. П –ҳамчун шаби тира
2. Л – пур
3. Л – шоҳ,
4. Л – кашидӣ
5. шоҳ.
6. ТПЗЛ – Агар бихрадӣ, дар ҷаҳон дил мабанд,
Ки н-ояд ба фарҷом аз ӯ ҷуз газанд.
Ба гоҳи бисудан чу мор аст нарм,
Валекин гаҳи заҳр додан-ш гарм.

www.sattor.com

Кушод осиёбон дари осиё,
Ба пушт - андараш бор лахте гиё.

Фурӯмояе буд, Хусрав ба ном,
На тахту на ганҷу на тоҷу на ком.

Хӯри хеш аз он осиё сохтӣ,
Ба коре ҷуз ин, худ напардохтӣ.

Гаве дид бар сони сарви баланд,
Нишаста бар он хок-бар мустаманд.

Яке афсаре хусравӣ бар сараш,
Дурахшон зи дебои чинӣ бараш.

Ду чашми гавазну бару ёли шер
Нашуд дида аз диданаш ҳеҷ сер.

Ба пайкар яке кафши заррин ба пой,
Зи хушшобу зар остини қабой.

Нигаҳ кард Хусрав бад-ӯ, хира монд,
Бад-он хирагӣ номи Яздон бихонд.

Бад-ӯ гуфт, к-«эй шоҳи хуршедрӯй!
Бад-ин осиё чун расидӣ ту, гӯй?!

Чӣ ҷои нишасти ту буд осиё,
Пур аз гандуму хоку чанде гиё?

Чӣ мардӣ бад-ин бурзу ин фарри чеҳр,
Ки чун ту набинад ҳамоно сипеҳр?»

«Аз эрониёнам, – бад-ӯ гуфт шоҳ,--
Ҳазимат гирифтам зи тӯронсипоҳ».

Бад-ӯ осиёбон ба ташвир гуфт,
Ки «ҷуз тангдастӣ маро нест ҷуфт.

Агар нони кашкинат ояд ба кор
В-аз ин носазо тарраи ҷӯйбор,

www.sattor.com

Биёрам, ҷуз ин нест, чизе ки ҳаст,
Хурӯшон бувад мардуми тангдаст».

Ба се рӯз шоҳи ҷаҳонро зи разм
Набуд эч пардозиши хобу базм.

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Ончи дорӣ, биёр,
Хуриш низ бо барсам ояд ба кор».

Сабук марди бемоя чаббин ниҳод[1],
Бар ӯ[2] тарраву нони кашкин ниҳод.

Ба барсам шитобиду омад ба роҳ,
Ба ҷое, ки буд андар ӯ божгоҳ.

Бари меҳтари Зарқ шуд бекиёр,[3]
Ки барсам яке з-ӯ кунад хостор.

Ба ҳар сӯ фиристод Моҳуй кас,
Ба гетӣ ҳама шоҳро ҷуст бас.

Аз ин осиёбон бипурсид меҳ,
Ки «барсам чаро хоҳӣ, эй рӯзбеҳ?»

Бад-ӯ гуфт Хусрав, ки «дар осиё
Нишастаст кундоваре бар гиё.

Ба боло ба кирдори сарви саҳӣ,
Ба дидор хуршеди бофарраҳӣ.

Ду абрӯ камону ду наргис дижам,
Даҳон пур зи боду равон пур зи ғам.

Яке кӯҳна чаббин ниҳодам-ш пеш,
Бар ӯ нони кашкин сазовори хеш.

Ба барсам ҳаме бож хоҳад гирифт,
Сазад, гар бимонӣ бад-ӯ дар шигифт.[4]

1. Л – бемояи бе мурод: И – бемояи чинниҳод
2. Л – Бараш.
3. Л–сӯгвор,
4. Л – хоне

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт меҳтар, к-«аз эдар бипӯй,
Чунин ҳам ба Моҳуи Сурӣ бигӯй.

Набояд, ки он баднажоди палид
Чу ин бишнавад, гавҳар орад падид».

Сабук меҳтар ӯро ба марде супурд,
Накӯхӯйро сӯи[1] Моҳуй бурд.

Бипурсид Моҳуй аз ин чораҷӯй,
Ки «барсам киро хостӣ? Рост гӯй».

Чунин дод посух варо тарскор,
Ки «ман бор кардам ҳаме хостор.

Дари осиёро кушодам ба хашм,
Чунон дон, ки хуршед омад ба чашм.

Ду наргис чу нар-оҳуе дар ҳарос,
Ду гесӯ чу аз шаб гузашта ду пос.[2]

Чу хуршед гаштаст аз ӯ осиё,
Хуриш нону кашку[3] нишасташ гиё».

Ҳар он кас, ки ӯ фарри Яздон надид,
Аз ин осиёбон бибояд шунид.

Пур аз гавҳари нобисуд афсараш,
Зи дебои чинӣ фурӯзон[4] бараш.

Баҳорест гӯӣ дар андар биҳишт,
Ба болои ӯ сарв деҳқон накишт.

1. Л – Сарафрозро пеши
2. ТПЗЛ – Ҳама ёди мушк ояд аз бӯи ӯй,
Ҳаме зеби тоҷ ояд аз рӯи ӯй.
3. Л – нони кашкин,
4. Л – дурахшон

www.sattor.com

ФИРИСТОДАНИ МОҲУИ СУРӢ ОСИЁБОНРО БА КУШТАНИ ЯЗДГИРД ВА ПАНДИ МӮБАДОН ДАР БОРАИ БОЗДОШТАНИ Ӯ АЗ КУШТАНАШ

Чу Моҳуй дилро баровард гирд,
Бидонист, к-ӯ нест ҷуз Яздгирд.

Бад-ӯ гуфт: «Биштоб аз ин анҷуман,
Ҳам акнун ҷудо кун сарашро зи тан.

В-агарна ҳам акнун бибуррам сарат,
Намонам касе зинда аз гавҳарат!»

Шуниданд аз ӯ ин сухан меҳтарон,
Бузургони бедору кундоварон.

Ҳама анҷуман гашт аз ӯ пур зи хашм,
Забон пур зи гуфтору пур-об чашм.

Яке мӯбаде буд, Зоруй ном,
Ба ҷон аз хирад барниҳода лагом.

Ба Моҳуй гуфт: «Эй бадандеш мард!
Чаро дев чашми туро хира кард?!

Чунон дон, ки шоҳиву пайғамбарӣ
Ду гавҳар бувад дар як ангуштарӣ.

Аз ин ду якеро ҳаме бишканӣ,
Равону хирадро ба пай[1] афканӣ.

Нигар, то чӣ хоҳӣ, бипарҳез аз ин,
Машав бадгумон бо ҷаҳонофарин.

Нахустин аз ин бар ту ояд газанд,
Ба фарзанд[2] монӣ яке киштманд.

Ки бораш кабаст ояду барг хун,
Ба зудӣ сари хеш бинӣ нагун.

1. ИЛ – пой
2. Л – фарҷом

www.sattor.com

Бараҳна шавад дар ҷаҳон зишти ту,
Писар бидравад, бегумон, кишти ту.

Ҳамон дини Яздон шавад з-ӯ табоҳ,
Ҳамон бар ту нафрин кунад тоҷу гоҳ».

Яке динвар буд яздонпараст,
Ки ҳаргиз набурдӣ ба бедод даст,

Ки Ҳурмузди Харрод буд номи ӯ,
Ба дин - андарун буд ороми ӯ.

Ба Моҳуй гуфт: «Эй ситамгора мард,
Чунин аз дари пок Яздон магард.

Ҳама тира бинам дилу ҳуши ту,
Ҳама хор бинам ба оғӯши ту.

Тануманд, бемағзиву чоннизор,
Ҳаме дуд аз оташ кунӣ хостор.

Туро з-ин ҷаҳон сарзаниш бинам оз,
Ба баргаштанат ранҷу гурму гудоз.

Кунун зиндагонит нох(в)аш бувад,
Чу рафтӣ, нишастат бар оташ бувад».

Нишаст ӯву Шаҳрӯй бар пой хост,
Ба Моҳуй гуфт: «Ин далерӣ чарост?

Шаҳаншоҳро корзор омадӣ,
Зи хоқону фағфур ёр омадӣ.

Аз ин тухма бе кас басе ёфтанд,
Ки ҳаргиз ба куштан-ш наштофтанд.

Ту гар бандаӣ, хуни шоҳон марез,
Ки нафрин бувад бар ту то растахез».

Бигуфт ину биншаст гирён бадард,
Пур аз хун дилу мижжа аз[1] оби зард.

1. Л – хун дилу мижжа пур

www.sattor.com

Чу биншаст гирён, бишуд Меҳрнӯш,
Пур аз дарду бо нолаву бо хурӯш.

Ба Моҳуй гуфт: «Эй бади баднажод,
Ки на ройи фарҷом дорӣ, на дод.

Зи хуни каён шарм дорад наҳанг
В-агар кушта дорад, надаррад паланг.

Аё баттар аз дад ба меҳру ба хӯ,
Ҳаме ҷои шоҳ оядат орзу?

Чу бар дасти Заҳҳок Ҷам кушта шуд,
Чӣ моя сипеҳр андар он гашта шуд.

Чу Заҳҳок бигрифт рӯи замин,
Падид омад андар ҷаҳон Отбин.

Бизод Офаридуни фаррухнажод,
Ҷаҳонро яке дигар омад ниҳод.

Шунидӣ, ки Заҳҳоки бедодгар
Чӣ овард аз он хештанро ба сар?

Бар ӯ сол бугзашт беш аз ҳазор,
Ба фарҷоми кор омадаш хостор.

Ва дигар, ки Тур он сарафроз мард,
Куҷо ӯ зи Эраҷ баровард гард.[1]

Манучеҳр аз он тухма омад падид,
Шуд он банди бадро саросар калид.

Се дигар Сиёвуш зи тухми каён
Камар баст беорзу бар миён.

Ба гуфтори Гарсиваз Афросиёб
Бибурд аз равону хирад шарму об.

1. ТПЗ – Ба хира бикушт Эраҷи покро,
Ки бахшоиш омад бар ӯ хокро.
Фиристод назди Фаридуни гурд,
Ҷаҳонро саросар ба андуҳ супурд.

www.sattor.com

Чунон шоҳзода ҷавонро бикушт,
Азеро ҷаҳон гашт бо ӯ дурушт.

Ҷаҳонгир Кайхусрав аз пушти ӯй
Биёмад, ҷаҳон кард пургуфтугӯй.

Ниёро ба ханҷар ба ду ним кард,
Сари кинаҷӯён пур аз бим кард.

Чаҳорум сухан, кини Арҷосп буд,
Ки резандаи хуни Лӯҳросп буд.

Чу Исфандёр андар омад ба ҷанг,
Зи кина надодаш замоне диранг.[1]

Ба панҷум сухан кини Ҳурмуздшоҳ,
Чу Парвизро шуд гашан дастгоҳ.

Ба Биндӯю Густаҳм кард, он чи кард,
Наёсояд ин чархи гардон зи гард.[2]

Чу шуд даствар, ҷони эшон бибурд,
Дари кинаро хор натвон шумурд.[3]

Туро зуд ояд чунин рӯзгор,
Ки печӣ зи андешаи нобакор.

Ту з-ин ҳар чӣ корӣ, писар бидравад,
Замоне замона ҳаме нағнавад.

Бипарҳез аз ин ганҷи ороста
В-аз ин мурдарӣ тоҷу ин хоста.

1. ТПМ – Ба панҷум, сухан кини Исфандёр,
Ки Рустам мар ӯро гаҳи корзор
Бикушту сар омад бар ӯ низ рӯз,
Ҳамоно шуд он гурди гетифурӯз.
Саранҷом бингар, ки Баҳман чӣ кард,
Зи пури Таҳамтан баровард гард.
Шашум, кини Парвизшоҳи баланд,
Ки аз Хушнавоз омад ӯро газанд.
Камар баст бар кини ӯ Суфарой,
Сари хештан андаромад ба пой.
2. ТПЗ– Зи кирдори эшон накард эч ёд,
Чу хуни падар буду меҳру наждод.
3. ИЛ – б. 565 нест.

www.sattor.com

Ҳаме сар бупечӣ ба гуфтори дев,
Бибуррӣ дил аз роҳи кайҳонхидев.

Ба чизе ки бар ту назебад ҳаме,
Надонӣ, ки деват фиребад ҳаме.

Ба оташ тану ҷони худро масӯз,
Макун тира ин тоҷи гетифурӯз.

Сипоҳи парокандаро гирд кун
В-аз ин дар, ки гуфтӣ, магардон сухун.

Аз эдар ба пӯзиш бари шоҳ рав,
Чу бинӣ варо, бандагӣ соз нав.

В-аз он ҷойгаҳ ҷанги душман басеч,
Зи рою зи пӯзиш маёсой ҳеч.

К-аз ин-бад нишони ду гетӣ шавӣ,
Чу гуфтори донандагон нашнавӣ.

Чу коре ки имрӯз бояд-т кард,
Ба фардо расад, з-ӯ бароранд гард.

Ҳаме Яздгирди шаҳаншоҳро
Батар хоҳӣ[1] аз турк бадхоҳро,

Ки бар разм[2] шер асту бар тахт шоҳ,
Дурахшон ба кирдори тобанда моҳ.

Яке ёдгоре зи Сосониён,
Ки чун ӯ набандад саворе[3] миён.

Падар бар падар роду донишпазир,
Зи Нӯшинравон то гаҳи Ардашер.

Пас аз Ардашераш зи ҳаштум падар
Ҷаҳондор Сосон бувад тоҷвар.

1. Л-хонӣ
2. ИЛ – дар чанг
3. Л –камар бар

www.sattor.com

Ки Яздон-ш тоҷи каӣ барниҳод,
Ҳама шаҳрёрони фаррухнажод.

Зи ту буд меҳтар ба кишвар басе,
Назад инчунин рой ҳаргиз касе.

Чу Баҳроми розӣ, ки сесад ҳазор
Инондору баргустувонвар савор--

Ба як тир аз ӯ пушт баргоштанд,
Бад-ӯ дашти пайкор бугзоштанд.

Чу аз тухми шоҳон сараш сер гашт,
Пайи ахтари равшанаш зер гашт.

Фароин, ки тахти кайиро[1] биҷуст,
Набудаш сазо, дасти бадро бишуст.

Бад-он гуна- бар кушта шуд зору хор,
Газофа набардорад[2] ин рӯзгор.

Битарс аз Худои ҷаҳонофарин,
Ки тахт офаридасту тоҷу нигин.

Тани хеш бар хира расво макун,
Ки бар ту сар оранд зуд ин сухун.

Ҳар он кас, ки бо ту нагӯяд дуруст,
Чунон дон, ки ӯ душмани ҷони туст.

Ту беморӣ акнуну ман чун пизишк,
Пизишке хурӯшон ба хунин сиришк.

Ту аз бандаи бандагон камтарӣ,
Ба андешаи дил макун меҳтарӣ.

Ҳаме кина бо пок Яздон ниҳӣ,
Зи роҳи ҳунар ҷӯй тахти меҳӣ».

1. Л- меҳиро
2. Л–набаргирад: И – напардозад

www.sattor.com

Шубонзодаро дил пур аз тахт буд,
Варо панди он мӯбадон сахт буд.

Чунин буд, то буду ин тоза нест,
Газофи[1] замона бар андоза нест.

Якеро барорад ба чархи баланд,
Якеро кунад зору хору нажанд.

На пайванд бо он, на бо ин-ш кин,
Кӣ донист рози ҷаҳонофарин?!

Ҳама мӯбадон, то ҷаҳон шуд сиёҳ,
Бар оини хуршед биншаст моҳ.

Ҳаме панд гуфтанд бо кинаҷӯй,
Набуд суд як мӯй з-он гуфтугӯй.

Чу шаб тира шуд, гуфт бо мӯбадон:
«Шуморо бибояд шуд, эй бихрадон!

Ман имшаб бияндешам ин бо писар,[2]
Зи ҳар гунае дониш орам ба бар.

Зи лашкар бихонем донанда бист,
Бад-он, то бад-ин бад набояд гирист».

Бирафтанд донандагон аз бараш,
Биёмад пас аз мӯбадон[3] лашкараш.

Чу биншаст Моҳуй бо ростон,
«Чӣ бинед, – гуфт, – андар ин достон?

Агар зинда монад тани Яздгирд,
Зи ҳар сӯ бад-ӯ лашкар оянд гирд.

Бараҳна шавад рози ман дар ҷаҳон
Бидонанд яксар кеҳону меҳон.

---

1. И – Ки рози
2. Л – бигардонам инро ба сар,
3. ИЛ – яке мӯъбад аз

www.sattor.com

Биёяд маро аз бадаш[1] ҷон ба сар,
На тан монад эдар, на буму на бар».

Чунин дод посух хирадманд мард,
Ки «ин худ нахустат набоист кард.

Агар шоҳи Эрон шавад душманат,
Аз ӯ бад расад бегумон бар танат.

В-агар хуни ӯро бирезӣ ба даст,
Ки кинхоҳи ӯ дар ҷаҳон Эзад аст.

Чапу рост ранҷ асту андӯҳу дард,
Нигаҳ кун бад-ин[2], то чӣ бояд-т кард?»

Писар гуфт, к-«эй боби фархундарой,
Чу душман кунӣ, з-ӯ бипардоз ҷой.

Сипоҳ андарорад зи Мочину Чин,
Ба мо-бар кунад танг рӯи замин.

Ту инро чунин хурд коре мадон,
Чу чира шудӣ, коми мардон бирон.

Гар аз домани ӯ дирафше кунанд,
Туро бо сипоҳ аз ҷаҳон баркананд.

КУШТА ШУДАНИ ЯЗДГИРД БА ДАСТИ ХУСРАВИ ОСИЁБОН

Чу бишнид Моҳуи бедодгар,
Суханҳо куҷо гуфт бо ӯ писар.[3]

Чунин гуфт бо осиёбон, ки «хез,
Саворон бубар, хуни душман бирез».[4]

Чу бишнид аз ӯ осиёбон сухун,
На сар дид аз он кор пайдо, на бун.

1. Л –андар ин
2. Л – кунун
3. Л –б. 617 нест.
4. ТПМ – Ки ӯ низ ҳаргиз наёяд ба даст,
Чу аз ман чунин ошкоро биҷаст.

www.sattor.com

Шабонгоҳ пирони хурдодмоҳ
Сӯи осиё рафт наздики шоҳ.

Зи даргоҳи Моҳуй чун шуд бурун,
Ду дида пур аз обу дил пур зи хун.

Саворон фиристод Моҳуй зуд
Паси осиёбон ба кирдори дуд.

Бифармуд, к-он тоҷу он гӯшвор,
Ҳамон мӯҳру он ҷомаи шоҳвор

Набояд, ки яксар пур аз хун кунанд,
Зи тан ҷомаи шоҳ[1] берун кунанд.

Бишуд осиёбон ду дида пуроб,
Ба зардӣ ду рухсора чун офтоб.

Ҳаме гуфт, к-«эй равшани кирдгор,
Туӣ бартар аз гардиши рӯзгор.

Бад-ин нописандида фармони ӯй,
Ҳам акнун бупечон дилу ҷони ӯй.

Бари шоҳ шуд дил пур аз шарму бок,
Рухонаш пуробу даҳонаш чу хок.

Ба наздик танг андаромад ба ҳуш,
Чунин чун касе роз гӯяд ба гӯш.

Яке дашна зад бар тиҳигоҳи[2] шоҳ,
Раҳо шуд ба захм - андар аз шоҳ оҳ!

Ба хок андаромад сару афсараш,
Ҳамон нони кашкин ба пеш- андараш.

Агар роҳ ёбад касе з-ин ҷаҳон
Бибошад, надорад хирад дар ниҳон.

1. Л – Чу беҷон шавад, ҷома
2. Л – ҷигаргоҳи

www.sattor.com

Зи парварда сер омад ин ҳафтгирд,
Шавад бегунаҳ кушта чун Яздгирд.

Бар ин гуна-бар точдоре намурд,[1]
Ҳам аз лашкари ӯ саворе намурд.[2]

Хирад нест бо гирдгардон сипеҳр,
На пайдо бувад ранҷу хашмаш зи меҳр.

Ҳамон беҳ, ки гетӣ набинӣ ба чашм,
Надорӣ зи кирдори ӯ меҳру хашм.

Саворони Моҳуи шӯридабахт
Чу диданд, к-он хусравонӣ дарахт

Зи тахту зи овардгоҳ орамид,
Бишуд ҳар касе, рӯи ӯро бидид.

Кушоданд банди қабои бунафш,
Ҳамон афсару тавқу зарринакафш.

Фиканда тани шоҳи Эрон ба хок,
Пур аз хуну паҳлӯ ба шамшер чок.

Зи пеши шаҳаншоҳ бархостанд,
Забонро ба нафрин биёростанд,

Ки Моҳуйро бод тан ҳамчунин,
Фиканда пур аз хун ба рӯи замин!

Ба Моҳуй гуфтанд, к-«он сарфароз
Баромад зи тахту зи ҷангу ниёз».[3]

Бифармуд, к-ӯро ба ҳангоми хоб
Аз он ҷойгаҳ афкананд андар об.

Бишуд низ бадмеҳр ду пешкор,
Кашиданд бар хун тани шаҳрёр.

1. Л – бимурд,
2. Л – Ки ӯро зи лашкар саворе набурд.
3. ИЛ – б. 643 нест:
ТПЗИЛ – Ҳама поймардон чу бархостанд,
Забонҳо ба нафрин биёростанд.

www.sattor.com

Кучо арчи он кушта нашнохтанд,
Ба гирдоби Зарқ андарандохтанд.

Ба об -андар афканда марди далер,
Сараш гаҳ забар буду гоҳе ба зер.

Чу шаб рӯз шуд, мардум омад падид,
Ду марди гаронмоя он ҷо расид.

Аз он сӯгворони парҳезгор
Биёмад яке то лаби рӯдбор.

Тани ӯ бараҳна бидид андар об,
Барошуфту омад ҳам андар шитоб.

Давон то дари хони роҳиб расид,
Бад-он сӯгворон бигуфт, ончи дид,

Ки шоҳи замона ба фарқ андар аст,
Бараҳна ба гирдоби Зарқ андар аст.

Бирафтанд аз он сӯгворон басе,
Сакубову руҳбон зи ҳар дар касе.

Хурӯше баромад зи роҳиб ба дард,
Ки «эй номвар,[1] шоҳи озодмард!

Касе тоҷдоре бад-ин сон надид,
На пеш аз ту ҳеч ин сухан кас шунид,

Ки бар шаҳрёре зи бад бандае,
Саге, баднажоде, парокандае

Бипарвард, то бар танаш бад расид
В-аз ин баҳри Моҳуй нафрин сазид.

Дареғ он тану шоху болои ту,
Дареғ он дилу донишу ройи ту!

Дареғ он сари тухмаи Ардашер,
Дареғ он ҷавону савори ҳажир.

1. Л – тоҷвар,

www.sattor.com

Тануманд будӣ, хирад бо равон,
Бибурдӣ хабар з-ин ба Нӯшервон,[1]

Ки дар осиё моҳрӯи туро,
Ҷаҳондору дайҳимҷӯи туро

Ба дашна ҷигаргоҳ бишкофтанд,
Бараҳна ба об- андар андохтанд».[2]

Сакубо аз он сӯгворон чаҳор
Бараҳна шуданд андар он ҷӯйбор.[3]

Бараҳна тани шаҳрёри ҷавон,
Набери ҷаҳондори Нӯширвон--

Ба хушкӣ кашиданд аз он обгир,
Басе мӯя карданд барнову пир.

Ба боғ- андарун дахмае сохтанд,
Сарашро ба абр -андар афрохтанд.

Сари захмҷояш бикарданд[4] хушк
Ба дибқу ба қиру ба кофуру мушк.

Биёростандаш ба дебои зард,
Қасаб зеру дасте зи бар ложвард.

Маю мушку кофуру чанде[5] гулоб
Сакубо бияндуд бар ҷои хоб.

Чӣ гуфт он гаронмоя деҳқони Марв,
Ки бинҳуфт болои он зодсарв,

---

1. ТПМ – Дареғ, он сари гоҳи Сосониён!
Дареғ, он фару бурзу тоҷи каён!
2. ТПЗИЛ – Ҳамоно, ки он хок гирён шавад,
Равонаш бад-ин сӯг бирён шавад.
Хурӯшон шавад дахмаи Ардашер,
Ки нашнид кас, шоҳ дар обгир.
Фиканда бад-ин сон ба об - андарун,
Бараҳна нагунсору тан пур зи хун.
3. Л – рӯдбор.
4. Л – он дашна карданд
5. Л – дибқу

www.sattor.com

Ки бахшиш зи кӯшиш бувад дар ниҳон,
Кӣ хушнуд берун шавад з-ин ҷаҳон?

Дигар гуфт: «Агарчанд хандон бувад,
Чунон дон, ки аз дардмандон бувад,

Ки аз чархи гардон пазирад фиреб,
Чу ӯро намояд фарозу нишеб».

Дигар гуфт, к-«онро ту доно махон,
Ки танро парастад, на роҳи равон.

Ҳаме хоста хоҳаду номи бад,
Натарсад равонаш зи фарҷоми бад».

Дигар гуфт: «Агар шоҳ лабро бубаст,
Набинад ҳаме тоҷу тахти нишаст.

На меҳру парастандаи боргоҳ,
На афсар, на кишвар, на фарру на ҷоҳ.

В-агар худ наёяд ҳаме ин ба кор,
Чаро бояд ин ранҷу ин рӯзгор?!»

Дигар гуфт, к-«аз хуб гуфтори ӯй,
Ситоиш надорам сазовори ӯй.

Ҳаме сарв кишт ӯ ба боғи биҳишт,
Бубинад равонаш, дарахте ки кишт».

Дигар гуфт: «Яздон равонат бибурд,
Танатро бад-ин сӯгворон супурд.

Равони туро судманд ин бувад,
Тани бадкунишро газанд ин бувад.

Кунун дар биҳишт аст бозори шоҳ,
Ба дӯзах кунад ҷони бадхоҳ роҳ».[1]

Дигар гуфт, к-«эй шоҳи ромишпазир,
Хирадманду аз гавҳари Ардашер.

1. Л – б. 683 нест.

www.sattor.com

Дурудӣ ҳамон бар, ки киштӣ ба боғ,
Дурафшон шуд он хусравонӣ чароғ».

Дигар гуфт, к-«эй шаҳрёри ҷавон,
Бихуфтиву бедор кардӣ[1] равон.

Лаби[2] хомушу ҷон ба чандин гила
Бирафту танат монд эдар яла.

Ту бекориву ҷон ба кор андар аст,
Тани бадсиголат ба дор андар аст.

Бигӯяд равон, гар забон баста шуд,
Биболид ҷон, гар танат хаста шуд.

Агар даст бекор гашт аз инон,
Равонат ба ҷанг андарорад синон».[3]

Дигар гуфт, к-«эй номбардор, гав!
Ту рафтиву кирдор шуд пешрав.

Туро дар биҳишт аст тахти нишаст,
Замини бало баҳри дигар кас аст».

Дигар гуфт, к-«он мард, к-ӯ чун ту кушт,
Бубинад кунун рӯзгори дурушт».

Сукуф гуфт: «Мо бандагони туем,
Ниёишгари покҷони туем,

Ки ин дахма пурлола боғи ту бод!
Кафан дашти шодиву роғи ту бод!»

Бигуфтанду тобут бардоштанд,
Зи ҳомун сӯи дахма бугзоштанд.[4]

1. Л – будат
2. Л – Лабат
3. Л –б. 690 нест.
4. Л –Пас аз б. 696 ин б. омада:
   Сазад гар зи ту мо набандем лаб,
   Ки буд аз тумон эминӣ рӯзу шаб.

www.sattor.com

Бад-он хобгаҳ рафт ноком шоҳ,
Сар омад бар ӯ тахту тоҷу кулоҳ.[1]

Чунин дод хонем бар Яздгирд
Ва ё кина хонем аз ҳафт гирд.

В-агар худ надонад ҳаме кину дод,
Маро файласуф эч посух надод.

В-агар гуфт динӣ ҳама баста гуфт,
Бимонад ҳама посух андар нуҳуфт.[2]

Агар ҳеҷ ганҷест, эй некрой,
Биёрой дилро, ба фардо мапой,

Ки гетӣ ҳаме бар ту-бар бугзарад,
Замона дами мо[3] ҳаме бишмарад.[4]

Дари хӯрданат чира кун бар ниҳод,
Агар худ бимонӣ, диҳад он ки дод.[5]

Маро дахлу харҷ ар баробар будӣ,
Замона маро чун бародар будӣ.

Тагарг омад имсол бар сони марг,
Маро марг беҳтар будӣ аз тагарг.

---

1. Л – Пас аз б. 697 ин б. омада:
   Ҳамин чору ин ҳафту ин даҳу ду,
   Бар онам, ки оҷизтар омад зи ту:
   ТПЗЛ – Ало, эй сухангӯй марди куҳан,
   Бигард аз раҳи озу бугсил сухан!
2. Л -- 699, 700 нест.
3. Л – нафасро
4. ТПЗЛ – Бад-ин моя рӯз - андар ин колбад,
   Ба ҷуз тухми некӣ накорӣ, сазад.
5. Л – б. 703 нест.
   ТПЗЛ – Ба ҷуз шодмониву ҷуз номи нек
   Аз ин зиндагонӣ наёбӣ ту рек.
   Макун, то тавонӣ, ту кирдори бад,
   Ки аз донишӣ бад наёяд сазад.

www.sattor.com

Дари ҳезуму гандуму гӯсфанд
Бубаст ин бароварда[1] чархи баланд.[2]

Май овар, ки аз рӯзи мо бас намонд,
Чунин буд, то буду бар кас намонд.

БА ТАХТ НИШАСТАНИ МОҲУИ СУРӢ

Кас омад, ба Моҳуи Сурӣ бигуфт,
Ки шоҳи ҷаҳон ёфт дахма[3] нуҳуфт.

Сакубову Қиссису руҳбони Рум
Ҳама сӯгворони он марзу бум.

Бирафтанд бо мӯя барнову пир,
Тани шоҳ бурданд аз он[4] обгир.

Яке дахма карданд ӯро ба боғ,
Бузургу баландиш бартар зи роғ.

Чунин гуфт Моҳуи бадбахти шум,
Ки «Эрон набуд пеш аз ин хеши Рум.

Фиристод, то ҳар кӣ он дахма кард,
Ҳамон кас, к-аз он кор тимор х(в)ард».

Бикуштанду тороҷ карданд марз,
Чунин буд Моҳуйро кому[5] арз.

Аз он пас ба гирди ҷаҳон бингарид,
Зи тухми бузургон касеро надид.[6]

Яке тоҷ бо ӯ буду мӯҳри шоҳ,
Шубонзодаро орзу кард гоҳ.

1. Л – ситамгора
2. ТПЛМ – Ки бедодӣ омад зи банда ба рӯй,
   Сазад, гар хурам бода бегуфтугӯй!
3. Л – ҷои
4. Л –диданд дар
5. Л –рою
6. И – б. 715 нест.

www.sattor.com

Ҳама роздорон-шро пеш хонд,
Сухан ҳар чӣ будаш, фаровон биронд.

Ба дастур гуфт: «Эй ҷаҳондида мард,
Фароз омад он рӯзи нангу набард.

На ганҷ аст бо ман, на ному нажод,
Магар дод хоҳам сари худ[1] ба бод.

Бар ангуштарӣ Яздгирд аст ном,
Ба шамшер бо ман накарданд ром.

Ҳама шаҳри Эрон варо банда буд,
Агар хеш буд, ар пароканда буд.

Нахонад маро марди донанда шоҳ,
На бар меҳрам ором гирад сипоҳ.

Ҷуз ин буд чора маро дар ҷаҳон,[2]
Чаро рехтам хуни шоҳи меҳон.[3]

Ҳама шаб зи андеша пурхун будам,
Ҷаҳондор донад, ки ман чун будам».

Бад-ӯ ройзан гуфт: «Акнун гузашт,
Аз ин кор гетӣ пуровоза гашт.

Кунун боз ҷӯӣ ҳаме кори хеш,
Ки бугсистӣ ин риштаи тори хеш».

Кунун ӯ ба дахма- дарун хок шуд,
Равони варо хок тарёк шуд.

Ҷаҳондидагонро ҳама гирд кун,
Забон тез гардон ба ширин сухун.

Чунин гӯй, к-«ин тоҷу ангуштарӣ
Ба ман дода шоҳ аз пайи меҳтарӣ.

1. Л –ҳаме сар
2. ИЛТ– ниҳон,
3. – ҷаҳон.

www.sattor.com

Чу донист, к-омад зи туркон сипоҳ,
Чу шаб тиратар шуд, маро хонд шоҳ.

Ба ман гуфт, чун хост боди набард,
Кӣ донад ба гетӣ, ки бар кист гард?!

Ту ин тоҷу ангуштариро бидор,
Бувад рӯз, к-ин ҳарду ояд ба кор.

Маро нест ҷуз духтаре дар ҷаҳон,
Ҳамоно, ки ҳаст ӯ зи тозӣ[1] ниҳон.

Ту з-ин пас ба душман мадеҳ гоҳи ман,
Нигаҳ дор ҳам з-ин нишон роҳи ман.

Ман ин тоҷ мерос дорам зи шоҳ,
Ба фармони ӯ барнишинам ба гоҳ.

Бад-ин чора деҳ кори бадро[2] фурӯғ,
Кӣ донад, ки ин рост аст аз дурӯғ».

Чу бишнид Моҳуй гуфто, ки «зеҳ,
Ту дастуриву бар ту кас нест меҳ».

Ҳама меҳтаронро зи лашкар бихонд
В-аз ин бора чандин суханҳо биронд.

Бидонист лашкар, ки ин нест рост,
Ба шӯхӣ варо сар буридан равост.

Яке паҳлавон гуфт, к-«ин кори туст,
Сухан гар дуруст аст, гар нодуруст».

Чу бишнид, бар гоҳи шоҳӣ нишаст,
Зи афсунаш омад сипоҳӣ[3] ба даст.

Бубахшид рӯи замин бар меҳон,
«Манам, – гуфт, – бо мӯҳр шоҳи ҷаҳон».

1. Л – аз тозиён шуд
2. Л – худро
3. Л – афсӯсаш омад Хуросон: И – Ба афсӯсаш омад Хуросон

www.sattor.com

Ҷаҳонро саросар ба бахшиш гирифт,
Ситора бимонда бар ӯ дар шигифт.[1]

Ба меҳтарписар дод Балху Ҳарӣ,
Фиристод бар ҳар сӯе лашкарӣ.

Бадандешагонро ҳама баркашид,
Бад-он сон, ки аз гавҳари ӯ сазид.

Бадонро ба ҳар ҷой солор кард,
Хирадмандро сар нагунсор кард.

Чу зер андаромад сари ростӣ,
Падид омад аз ҳар сӯе костӣ.

Чу лашкар фаровон шуду хоста,
Дили марди бераҳ шуд ороста.

Сипаҳро дирам доду obod кард,
Бар он буд, ки ҷӯяд зи Бежан набард.

Ба Омуй шуд паҳлавон пешрав
Або лашкару ҷангсозони нав.

Талоя ба пеши сипоҳ- андарун,
Ҷаҳондидае номи ӯ Гарсиюн.

Ба шаҳри Бухоро ниҳоданд рӯй,
Чунон сохта лашкари ҷангҷӯй.

Ҳаме гуфт: «Моро Самарқанду Чоҷ
Бибояд гирифтан бад-ин мӯҳру тоҷ».

Ба фармони шоҳи ҷаҳон Яздгирд,
Ки солор буд зери ӯ[2] ҳафт гирд.

Зи Бежан бихоҳам ба шамшери кин,
К-аз ӯ тира шуд бахти шоҳи замин.

1. ИЛ – б. 743 нест:
ТПЗ – Ҳар он кас, к-аз он тухма буд, пеш хонд
В-аз ин дар фаровон суханҳо биронд.
2. Л – ӯ буд бар

www.sattor.com

ЛАШКАР КАШИДАНИ БЕЖАН БА ҶАНГИ МОҲУИ СУРӢ

Чунон то ба Бежан расид огаҳӣ,
Ки Моҳуй бигрифт шоҳаншаҳӣ.

Ба ҳар сӯ фиристод мӯҳру нигин,
Ҳаме ром гардад бар ӯ-бар замин.[1]

Кунун сӯи Ҷайҳун ниҳоданд рӯй,
Ба пархош бо лашкари ҷангҷӯй.[2]

Бипурсид Бежан, ки «тоҷаш кӣ дод?»
Бар ӯ кард гӯянда он кор ёд[3]

---

1. И – б. 757 нест.
2. Л – б. 758 нест.
3. ТПЗЛ – Ки чун ту расидӣ ба реги Фараб,
Замона бубаст аз баду нек лаб.
Аз эдар бишуд лашкаре сӯи ӯй,
Саворони гарданкашу номҷӯй.
Туро гуфт: «Ин тоҷи шоҳаншаҳон
Чу лашкар фиристӣ, фиристам ниҳон.
Ҳамон тахти заррину ангуштарӣ,
Туро зебад андар ҷаҳон меҳтарӣ.
Аз эдар сипоҳи ту биштофтанд,
Ба Марв- андарун шоҳро ёфтанд.
Гирифтанд он шоҳро дар миён,
Ҳазимат гирифтанд эрониён.
Чу танҳо бимонд он шаҳи пурхирад,
Битарсид к-аз лашкараш бад расад.
Яке осиё буд бар раҳгузар,
Бад-ӯ даршуд он шоҳи хуршедфар.
Хабар ёфт Моҳуи Сурӣ зи шоҳ,
Фиристод кас, кард шаҳро табоҳ.
Чу Сурӣ худованди худро бикушт,
Ба мӯҳр андаровард гетӣ ба мушт.
Ду бахра аз ин ному нанг они туст,
Саворони ҷангиву ҷанг они туст.*

* Л – Чу бишнид Бежан, барошуфт сахт,
К-аз ӯ шоҳро тира шуд тоҷу тахт.
Чу бишнид Бежан, фиристод мард,
Ба Моҳуи Сурӣ яке нома кард,
Ки мо дӯстиро сӯи хони ту
Биёему бошем меҳмони ту.
Аз ин марз чандон ки хоҳӣ, бигир,
На Эрон бувад дар чаҳон ёдгир.
Чу бишнид Моҳуй, дил шод кард,
Зи туркон ду рухро пур аз бод кард.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт Барсом, к-«эй шаҳрёр,
Чу ман бурдам аз Чоҷ чандин савор,

Аз эдар бишуд лашкаре сӯи ӯй
Саворони гарданкашу номҷӯй.[1]

Туро, гуфт, ман тахти заррини ӯй,
Ҳамон ёраи гавҳарогини ӯй,

Ҳамон тоҷу ганҷаш фиристам ба Чоҷ,
Туро бояд андар ҷаҳон тахти оҷ.

Ба Марв -андарун разм кардам се рӯз,
Чаҳорум чу бифрӯхт гетифурӯз--

Шудам тангдил, разм кардам дурушт,
Ҷафопеша Моҳуй бинмуд пушт.

Сипаҳдори Эрон чу танҳо бимонд,
Ғамӣ гашту ёрони худро бихонд.

Басе номдорони моро бикушт,
Чу ёрон бирафтанд, бинмуд пушт.[2]

Чу Моҳуй ганҷи худованд хеш
Биёвард беранҷу бинҳод пеш,

Чу оганда шуд марди бадтан[3] ба чиз,
Маро худ ту гуфтӣ надидаст низ.

Ба Марв- андарун буд лашкар ду моҳ,
Ба хубӣ накард ӯ ба мо-бар[4] нигоҳ.

Бикушт ӯ худовандро дар ниҳон,
Чунон подшоҳе – чароғи ҷаҳон.

Саворе ки гуфтӣ, миёни сипоҳ--
Ҳаме баргузорад сар аз чархи моҳ.

---

1. ИЛ – Наёвардам аз Марв чандон буна,
Бишуд Яздгирд аз миён яктана.
2. И –б. 766 нест.
3. ТПЗ – Надонам, ки чун кардаш аз ҷон ҷудо
Худовандкуш, бандаи бевафо.
4. Л – баддил

www.sattor.com

Зи туркон касе пеши гурзаш нарафт,
Ҳаме з-ӯ дили номдорон бикафт.[1]

Чу оганда шуд, подшоӣ гирифт,
Бад-ин гуна нопорсоӣ гирифт.[2]

Чу бадхоҳи ҷангӣ ба болин расид,
Набояд туро бо сипоҳ орамид.

Гули хав ба полизи шоҳӣ[3] мабод,
Чу бошад, наёяд[4] зи полиз ёд.[5]

Чу бишнид Бежан, сипаҳ гирд кард
Зи туркон-саворони рӯзи набард.

Зи Качғорбошӣ биёмад дамон,
Наҷуст эч гуна ба раҳ-бар замон.

Чу наздики шаҳри Бухоро расид,
Ҳама дашти Нахшаб сипаҳ густарид.

Ба ёрон чунин гуфт, к-«акнун шитоб
Мадоред, то ӯ бад-ин рӯи об

Ба пайкори мо пеш орад сипоҳ,
Магар боз хоҳам аз ӯ кини шоҳ».

В-аз он пас бипурсид,[6] к-«аз номдор
Намонд эч фарзанд, к-ояд ба кор?

Ҷаҳондор шоҳе[7] бародар надошт,
Писар гар набуд, эч духтар надошт,

1. ТПЗ – Надидам саворе бад-он фарру бурз,
Чунон тарку ҷавшан, чунон дасту гурз.
2. ТПИЛМ – Талоя ҳаме гӯяд омад сипоҳ,
Набояд, ки бар мо бигиранд роҳ.
3. Л – шоҳон
4. Л – мабодо
5. ТПЗ – Чу бишнид Бижан, барошуфт сахт,
К-аз ӯ шоҳро тира шуд рӯи бахт.
6. Л- Бипурсид Бежан
7. Л – Чунон подшоҳе

www.sattor.com

Ки ӯро биёрему ёрӣ кунем,[1]
Ба Моҳуй-бар комгорӣ кунем?»[2]

Бад-ӯ гуфт Барсом, к-«эй шаҳрёр,
Сар омад бар он тухма-бар рӯзгор.

Бар он шаҳрҳо тозиёнрост даст,
Ки на шоҳ монду на оташпараст».

Чу бишнид, Бежан, сипаҳ баргирифт,
Зи кори ҷаҳон даст бар сар гирифт.[3]

Талоя биёмад, ки омад сипоҳ,
Ба якчанд созад ҳаме размгоҳ.

Сипоҳе ба киштӣ баромад зи об,
Ки аз гард пайдо набуд офтоб.

Сипаҳдор Бежан зи пеши сипоҳ
Биёмад, ки созад ҳам ӯ размгоҳ.

Чу Моҳуи Сурӣ сипаҳро бидид,
Ту гуфтӣ, ки ҷонаш зи тан барпарид:[4]

Зи бас ҷавшану хӯду заррин[5] сипар,
Зи бас найзаву гурзу чоҷӣ табар.[6]

---

1. И – диҳем,
2. И–диҳем.
3. Л –Пас аз б. 787 ин б. омада:
   Чу тир аз камон сӯи Омӯй шуд,
   Сӯи баднажоди ҷаҳонҷӯй шуд.
   Зи Ҷайҳун гузар кард Бежан чу гард.
   Дил аз шоҳи Эрон шуда пур зи дард.
   Сипоҳе ки Ҷайҳуну ҳомуну кӯҳ
   Шуд аз наъли сумми сутурон сутӯҳ.
   Зи бас найзадорону ҷавшанварон
   Замин тира шуд аз карон то карон.
4. Л – Чу бишнид Моҳуй, барбаст кӯс,
   Замин шуд зи гарди сипаҳ обнӯс.
   Шубонзода чун рӯи Бежан бидид,
   Бар он номдор офарин густарид.
   Бар он лашкари гашну он паҳлавон,
   Дилаш гашт пурдарду печон равон.
5. Л – теғу румӣ
6. ТПЗИМ–Шутурворҳо низ бар уштурон,
   Зи лашкар ҳаме шуд ба дигар карон.

www.sattor.com

Ғамӣ шуд, баробар сафе баркашид,
Ҳаво нилгун шуд, замин нопадид.

ҶАНГИ БЕЖАН БО МОҲУЙ ВА КУШТА ШУДАНИ МОҲУЙ

Чу Бежан сипаҳро ҳама рост кард,
Ба эрониён-бар камин хост кард.

Бидонист Моҳуй, аз он қалбгоҳ
Хурӯшон бирафт аз миёни сипоҳ.

Нигаҳ кард Бежан, дурафшаш бидид,
Бидонист, к-ӯ ҷаст хоҳад гузид.

Ба Барсом фармуд, к-аз қалбгоҳ
Ба як сӯ гузор, он чи дорӣ сипоҳ.

Набояд, ки Моҳуи Сурӣ зи ҷанг
Битарсад, ба Ҷайҳун кашад бединг.

Ба чизе бар ӯ чашм з-ӯ бармадор,
Ки бо ӯ дигаргуна созем кор.

Чу Барсоми чинӣ дирафшаш бидид,
Сипаҳро саросар зи як сӯ кашид.[1]

Ҳаме тохт то пеши шаҳри Фараб,
Пурожанг рух, пур зи дашном лаб.

Мар ӯро ба реги Фараб дарбиёфт,
Рикобаш гарон карду андаршитофт.

Чу наздик бо ӯ баробар бибуд,
Назад ханҷар ӯро, далерӣ намуд.

1. Л –Пас аз б. 800 ин б. омада:
Ба як ҳамла Моҳуйро баргирифт,
Замона ҳаме ройи дигар гирифт.
Гурезон шуд аз пеш он бевафо,
Ҳаме рафт Барсомаш андар қафо.

www.sattor.com

Камарбанд бигрифту ӯро зи зин
Бароварду осон бизад[1] бар замин.

Фуруд омаду дасти ӯро бубаст,
Ба пеш андарафканду худ барнишаст.

Ҳамон гаҳ расиданд ёрони ӯй,
Ҳама дашт аз ӯ шуд пур аз гуфтугӯй.

Ба Барсом гуфтанд, к-«инро мабар,
Бибояд задан гарданаш бо табар».[2]

Чунин дод посух, ки «ин роҳ нест,
К-аз ин ёфтан[3] Бежан огоҳ нест».

Ҳамон гаҳ ба Бежан расид огаҳӣ,
Ки омад ба даст он бадоин раҳӣ.[4]

Чу бишнид Бежан, ба дил шод гашт,
Бихандид,[5] з-андеша озод гашт.

Широъе заданд аз бари реги нарм,
Ҳаме рафт Моҳуй чун боди гарм.[6]

Гунаҳкор чун рӯи Бежан бидид,
Хирад шуд зи мағзи сараш нопадид.

Шуд аз бим ҳамчун тани беравон,
Ба сар барпароканд реги равон.

1. Л – Баровард осону зад
2. Л – б. 807 нест.
3. ИЛ – тохтан
4. ТПИ – Ҷаҳонҷӯй Моҳуи шӯридаҳуш--
Пурозору бедин худовандкуш.
5. И – Биёмад,
6. ТПЗ – Хурӯше баровард Бежан чу шер,
Зи туркон бирафтанд чанде далер.
Сиголида бо якдигар сохтанд,
Ҳама чораи куштан андохтанд.
Ҳар он кас, ки диданд аз он боргоҳ,
Бикуштанд ногоҳ бемар сипоҳ.
Ба тороҷ бурданд бору буна,
Кашиданд Моҳуйро барҳана.

www.sattor.com

Бад-ӯ гуфт Бежан, ки «эй баднажод,
Ки чун ту парастор[1] касро мабод!

Чаро куштӣ он додгар шоҳро,
Худованди пирӯзиву гоҳро?!

Падар бар падар шоҳу худ шаҳрёр[2]
Зи Нӯшинравон дар ҷаҳон ёдгор».

Чунин дод посух, ки «аз бадкуниш
Наёяд, магар куштану сарзаниш?

Бад-ин бад кунун гардани ман бизан,
Бияндоз дар пеши ин анҷуман».[3]

Бад-ӯ[4] дод посух, ки «эдун кунам,
Ки кин аз дили хеш берун кунам».[5]

Ба шамшер дасташ бибурриду гуфт,
Ки «ин дастро дар бадӣ нест ҷуфт».

Чу дасташ бибуррид, гуфто: «ду пой
Бибурред,[6] то монад эдар ба ҷой».

Бифармуд, то гӯшу биниш паст
Буриданду бар[7] борагӣ барнишаст.[8]

---

1. Л – сарафроз
2. Л – номдор,
3. ТПИЛМ – Битарсид, к-аш пӯст берун кашанд,
   Танашро бад-он кина дар хун кашанд.
   Ниҳонаш бидонист марди далер,
   Ба посух замоне ҳаме буд дер.
4. ИЛ –Чунин
5. Л –Пас аз б. 819 ин б. омада:
   Аё беҳунар марди шӯридабахт,
   На зебои тоҷу на зебои тахт:
   ТПЛМ – Бад -ин мардиву донишу рою хӯ,
   Ҳаме тоҷи шаҳ омадат орзу.
6. Л –Бибурранд,
7. Л –худ
8. Л - Пас аз б. 822 ин б. омада:
   Зеҳе дигар аз торакаш баркашид,
   Ҳаме ронд, то зери пояш расид!
   Бад-ӯ гуфт, к-«ин куштани ногузир--
   Зи Нӯшинравоншоҳ то Ардашер».
   Дигар гуфт: «гаштӣ агар шаҳрёр,
   Зи туркон чаро хостӣ корзор?»

www.sattor.com

Бифармуд, к-инро бар ин реги гарм
Бидоред, то хобаш ояд зи шарм.

Сарашро ба фарҷом бубрид паст,
Бияфканд пешу ба хӯрдан[1] нишаст.

Мунодигаре гирди лашкар бигашт,
Ба даргоҳи ҳар хаймае баргузашт,

Ки «эй бандагони худовандкуш!
Машӯред ҳар ҷой беҳуда ҳуш!

Чу Моҳуй бод, он ки бар ҷони шоҳ
Набахшид, ҳаргиз мабинод гоҳ.

Се пури ҷавонаш ба лашкар буданд,
Ҳамон ҳар се ботахту афсар буданд.[2]

Ҳамон ҷо баланд оташе барфурӯхт,
Падар бо писар ҳар се бо ҳам[3] бисӯхт.

Аз он тухма кас дар замона намонд
В-агар монд, ҳар кас ки дидаш, биронд.

Бузургон бад-он дуда нафрин кунанд,
Сар аз куштани шоҳ пуркин кунанд,

Ки нафрин бар ӯ боду ҳаргиз мабод,
Ки ӯро на нафрин фиристӣ[4] ба дод![5]

---

1. Л – шодӣ
2. ТПЗЛ – Яке меҳтаре буд, номаш Гуроз,
   К-аз ӯ буд Моҳуйро ному ноз.
   Нигаҳбони Марв андар он рӯзгор
   Чу Моҳуй шуд кушта бар зору хор.
   Фурӯзандаи ӯ чу меҳтар писар.
   Ҳаме сохт аз баҳри ӯ тоҷи зар.
   Чу Моҳӯйро тира шуд рӯзгор,
   Ба Марв андаромад зи ҳар сӯ савор.
   Битӯфид шаҳру баромад хурӯш,
   Шуд он марз яксар пур аз ҷангу ҷӯш.
   Гуроз андар он тирагӣ кушта шуд,
   Ҳама дударо рӯз баргашта шуд.
3. ИЛ – Падаррову ҳар се писарро
4. Л – фиристӣ ту нафрин
5. Л –Пас аз б. 832 ин б. омада:
   Равонаш ба дӯзах гирифтор бод,
   Ҳамеша варо хасм додор бод!

www.sattor.com

Кунун з-ин сипас[1] даври Уммар бувад,
Чу дин оварад, тахт минбар бувад.

ТАЪРИХИ АНҶОМИ «ШОҲНОМА»

Чу бугзашт сол аз барам[2] шасту панҷ,
Фузун кардам андешаи дарду ранҷ.

Ба таърихи шоҳон ниёз омадам,
Ба пеш ахтари дерсоз омадам.

Бузургону бодониш озодагон
Набиштанд яксар ҳама роягон.[3]

Нишаста назора ман аз дурашон,
Ту гуфтӣ, будам пеш муздурашон.

Ҷуз аҳсант аз эшон набуд баҳраам,
Бикафт андар аҳсанташон заҳраам.

Сари бадраҳои куҳан баста шуд
В-аз он банд равшан[4] дилам хаста шуд.

Аз он номвар номдорони шаҳр,
Алӣ Дайламӣ Будулафрост[5] баҳр,

Ки ҳамвора корам ба хубӣ равон
Ҳамедошт он марди равшанравон.[6]

Ҳусайни Қутайба-ст з-озодагон,
Ки аз ман нахоҳад сухан роягон.

ТПЗЛ – Гунаҳкор буд Бежани турк низ
Варо низ ҳам бар сар омад қафиз.
Хирад з-он чунон мард бегона гашт,
Аз он пас шунидам, ки девона гашт.
Ҳаме буд, то хештанро бикушт,
Зиҳӣ чархи гардандаи кӯзпушт!

1. Л – Чу з-ин бугзарӣ,
2. Л – бари
3. ТПМ – Чунин номдорону гарданкашон,
Ки додам аз ин нома з-эшон нишон.
4. Л – банди баста
5. И – Дайламу Будалакрост
6. ТПЛМ – Абӯнасри Варроқ бисёр низ
Бад-ин нома аз меҳтарон ёфт чиз.

www.sattor.com

Аз ӯям хуру пӯшишу симу зар,
Аз ӯ ёфтам ҷунбиши пову пар.

Наям огаҳ аз аслу фаръи хироҷ,
Ҳаме ғалтам андар миёни давоҷ.

Чу сол андаромад ба ҳафтоду як,
Ҳаме зери шеър[1] андар омад фалак.

Сиву панҷ сол аз сарои сипанҷ
Басе ранҷ бурдам ба уммеди ганҷ.

Чу барбод доданд ранҷи маро,
Набуд ҳосиле сиву панҷи маро.

Кунун умр наздики ҳаштод шуд,
Умедам ба якбора барбод шуд.[2]

Сар омад кунун қиссаи Яздгирд,
Ба моҳи сифандормуз рӯзи ирд.[3]

---

1. Л – байт
2. ИЛ – б. 846–848 нест.
3. ТП – Аз ин паҳлавонону гарданкашон,
Ки додам дар ин қисса з-эшон нишон.
Бимурданд аз рӯзгори дароз,
Ба гуфтори ман зинда гаштанд боз.
Маро дам аз ин зиндагонӣ сухан
Ба ҳубби Набиву Алӣ шуд куҳан.
Чу аз Мустафо ман ҳикоят кунам,
Чу Маҳмудро сад ҳимоят кунам.
Чу султони дин буд Набиву Алӣ,
Ба файзи илоҳӣ умеди валӣ.
Манам бандаи ҳар ду то растахез,
Агар шаҳ кунад пайкарам рез-рез.
Чу шуд сохта, бурдамаш назди шоҳ,
Бад-он то маро з-ӯ диҳад дастгоҳ.
Маро гуфт: «Рустам кӣ будасту Гев,
Фаридуну Кайхусрав он шоҳи нев?
Чу шоҳӣ маро дар замона нав аст,
Басе бандагонам чу Кайхусрав аст.
Чу андар табораш бузургӣ набуд,
Наёраст номи бузургон шунуд.
Надорам зи динори хусрав сипос,
Ки ӯ нест шоҳи ҳақиқатшинос.
Ба некӣ набуд шоҳро дастгоҳ
В-агарна маро барнишондӣ ба гоҳ.

www.sattor.com

Зи ҳиҷрат шуда панҷ ҳаштод бор
Ки гуфтам ман ин номаи шаҳрёр.[1]

Ҳаме гоҳи[2] Маҳмуд обод бод,
Сараш сабз бодо,[3] дилаш шод бод![4]

Чунонаш сутудам, ки андар чаҳон
Сухан монад аз ошкору ниҳон.

Маро аз бузургон ситоиш бувад,
Ситоиш варо дар физоиш бувад,

Ки ҷовид бодо хирадманд мард,
Ҳамеша ба кому дилаш коркард.

Бад-ӯ мондам ин номаро ёдгор,
Ба шаш бевар абёташ омад шумор.[5]

---

1. Л – Ба номи чаҳондовари кирдгор.
2. Л–Тани шоҳ
3. Л –сабзу ҷону
4. И – б. 851 нест:
   ТПИЛ – Ҳамаш рою ҳам донишу ҳам насаб,
   Чароғи Аҷам, офтоби Араб.
5. ТПЗ – Замонам сар овард гуфту шунид,
   Чу рӯзи чавонӣ ба пирӣ расид:
   Л – Пас аз б. 855 ин б. омада:
   Ба фархунда фолу ба ҳангоми нек,
   Ба оғози хубу ба анҷоми нек
   Бубинӣ бад-ин дод некигумон,
   Ки ӯ хилъате ёбад аз осмон.
   Ки харгиз нагардад куҳан минбараш,
   Бимонад кулоҳи кайӣ бар сараш.
   Сараш сабз боду танаш бегазанд,
   Маниш баргузашта зи чархи баланд.
   Надорад касе хор фоли маро,
   Куҷо бишмарад моҳу соли маро.
   Нигаҳ кун, ки ин нома то ҷовидон
   Дирафше шавад бар сари бихрадон.
   Каюмарсро тухмае гардад ин,
   Ки хонанд ҳар кас бар ӯ офарин.
   Чунин гуфт Нӯшинравонро Қубод,
   Ки «чун шоҳро сар бупечад зи дод,
   Кунад чарх маншури ӯро сиёҳ,
   Ситора нахонад варо низ шоҳ,
   Ситамномаи адли шоҳон бувад,
   Чу дарди дили бегуноҳон бувад».
   Бимонод то ҷовидон ин гуҳар,
   Ҳунарманду бар донишу додгар,
   Набошад касе дар чаҳон пойдор,

www.sattor.com

Чу ин номвар нома омад ба бун,
Зи ман рӯи кишвар шавад пурсухун.

Намирам аз ин пас, ки ман зиндаам,
Ки тухми суханро парокандаам.

Ҳар он кас, ки дорад ҳушу рою дин,
Пас аз марг бар ман кунад офарин.[1]

Ҳамон номи некӯ бувад ёдгор.
Куҷо Офаридуну Заҳҳоку Ҷам,
Меҳони Араб, хусравони Аҷам?
Куҷо он бузургони сосониён,
Ҷаҳондору пурдавлат эрониён?
Накӯҳидатар шоҳ Заҳҳок буд,
Ки бедодгар буду нопок буд.
Фаридуни фаррух ситоиш бибурд,
Бимурд ӯву ҷовид номаш намурд.
Накӯҳида он кас, ки бедод буд,
Ба ганҷу ба тахти меҳӣ шод буд.
Гусиста шуд аз тоҷҳо номи ӯ,
Нахонад касе бад саранҷоми ӯ.
Сухан монад андар ҷаҳон ёдгор,
Сухан беҳтар аз гавҳари шоҳвор.
Аз ин номаи шоҳи душмангудоз,
Ки бодо ҳамасола бар тахти ноз.
Ҳама мардум аз хонаҳо шуд ба дашт,
Ниёиш ҳаме з-осмон баргузашт.
Ки ҷовид бодо сари тоҷдор,
Хуҷаста бад-ӯ гардиши рӯзгор!
Ба фармони ӯ бод яксар замӣ,
Мабуррод аз ӯ шодиву хуррамӣ!

1. И –б. 858 нест:
ТП – Ҳазорон дуруду ҳазорон сано,
Зи мо офарин бод бар Мустафо!
Ва бар ахли байташ ҳамэдун чунин,
Ҳаме офарин хонам аз баҳри дин:
ТПЗ – Таърихи итмоми «Шоҳнома»
Сипоси Худованди доно кунам,
Равону хирадро тавоно кунам.
Тавоно Худованд бар ҳар чи ҳаст.
Худованди болову дорои паст.
Фиристам дуруди фиристодааш,
Гузини гузинони озодааш--
Муҳаммад, ки аз буданиҳо сар ӯст,
Худовандро аз ҳама рӯй дӯст.
Ки Эзад зи ёрон-ш хушнуд бод,
Равони бадандеш пурдуд бод!
Чу шуд охир ин достони бузург,
Суханҳои он хусравони сутург.
Ба рӯзи сеюм не, ба шаб чоштгоҳ,
Шуда панҷу даҳ рӯз аз он шаҳру моҳ,

www.sattor.com

Ки тозиш хонад муҳаррам ба ном
В-аз озор хонад-ш моҳи ҳаром.
Агар сол низ орзу омадаст,
Нуҳум сол ҳаштод бо сесад аст.
Маҳи баҳману осмон рӯз буд,
Ки килкам бад-ин нома пирӯз буд,
Чу хоҳишгариву ниёзам набуд,
Бар ин-бар бубастам забони ҳасуд.

Дар нусхаи хаттии дигар мутааллиқ ба музейи Британиё дар поёни «Шоҳнома» ин абёт омадааст, ки дар ТП бо андак тағйирот дучор мешаванд.

Чу шуд испарӣ достони бузург,
Суханҳои он хусравони сутург.
Ба рӯзи сеюм шанбадӣ чоштгоҳ
Шуда панҷ рах, панҷ рӯз он зи моҳ,
Ки тозиш хонад муҳаррам ба ном,
Ки аз арҷмандиш моҳи ҳаром.
Агар сол низ орзут омадаст,
Нуҳум солу ҳаштод бо сесад аст.
Зи таърихи деҳқон бигӯям-т низ,
Зи андеша дилро бишӯям-т низ.
Маҳи баҳману осмон рӯз буд,
Ки фолам бад-ин нома пирӯз буд.
Чу хоҳишгариву ниёзам намуд,
Бад-ин пурсишам (бар) забон баркушуд.
Ҳумоюнниҳоду писандидагил,
Хирадманду армидиву некдил.
Гаронмоя Аҳмад, ки ҳамсоли ӯ
Бичӯяд ба ҳар ҷо аз ӯ оли ӯ.
Зи бобаш чу ҷӯӣ ту номи дуруст,
Абубакраш охир, Муҳаммад нахуст.
Сипоҳониву хон нишастангаҳаш,
Ба назди бузургон сутуда раҳаш.
Чу дар хони ланҷон фароз омадам,
Ба ҳар чӣ бигӯӣ, ниёз омадам.
Маро сӯи хони хирад роҳ дод,
Чу бо ман бидид ӯ, ба хиргоҳ дод.
Худованд ин дафтарам банда кард,
Лаби ҳар муродам пур аз ханда кард.
Зи пӯшиданиву зи густурданӣ,
Зи афканданиву ҳам аз хӯрданӣ,
Писандидаву пок дарх(в)арди ман
Бидодӣ, нишастӣ зи дил дарди ман.
Бадандеш бар ман забон (бар) кушуд,
Чу ҳар жож ҳар зиштие месуруд.
Ба гӯшам расиду гирифтам карон,
Ки то дил-ш бар ман нагардад гарон.
Маро ханду аз ман ниюшид чиз,
Чӣ бояд-т, гуфто, бубахшем низ.
Чу бадгӯй донам, ки бадхоҳи туст,
Бадандеш бар шеваву роҳи туст.
Ту бебок бошу машав дури мо,
Ки бадгӯ нашояд ба муздури мо.

www.sattor.com

ФЕҲРИСТИ ФУСУЛИ ҶИЛДИ ДАҲУМ

Бар тахт нишастани Баҳроми Чӯбина....................5
Гурехтани Биндӯй аз банди Баҳром....................7
Рафтани Хусрав сӯи Рум ба роҳи биёбон ва огоҳӣ додани роҳиб аз кори оянда....................13
Омадани Хусрав ба буми Рум....................18
Бозгуфтани роҳиб буданиро ба Хусрави Парвиз....................20
Нома фиристодани Хусрави Парвиз ба қайсари Рум....................25
Посухи номаи Хусрав аз қайсар....................30
Номаи қайсар ба Хусрав ва паҳлӯ тиҳӣ кардан аз ёрии ӯ ва посухи он аз Хусрав....................31
Номаи дигар аз қайсар ба Хусрав дар бораи ёрӣ кардан бо ӯ....................34
Нома навиштани қайсар ба Хусрави Парвиз дигар бор....................36
Аҳднома навиштани Хусрави Парвиз ва фиристодан назди қайсар....................41
Тилисм сохтани румиён ва озмоиш кардан эрониёнро....................45
Гузориш кардани Харрод бар дини ҳиндувон....................50
Фиристодани қайсар лашкар ва духтар назди Хусрави Парвиз....................55
Лашкар кашидани Хусрав ба сӯи Озарободагон....................60
Огоҳ шудани Баҳроми Чӯбина аз бозгаштани Хусрав ва нома навиштан ба сардорони Эрон....................64
Сипоҳ рондани Баҳроми Чӯбина ба ҷанги Хусрави Парвиз ва ҳазимат кардан румиёнро....................68
Разми Хусрав бо Баҳроми Чӯбина ва кушта шудани Кӯти Румӣ....................70
Ҷанги паҳлавонони Хусрав бо Баҳроми Чӯбина....................76

Ки ҳамвора ранҷур бодо танаш,
Чу модар-ш бадному ҳар ҷо занаш.
Чу аз пардагиш огаҳӣ ёфтам,
Сӯи хидматаш тез биштофтам.
Ба ҳар кор фармонбари ӯ шудам,
Ба некӯниҳодиш хастӯ шудам.
Ба фарзанди ӯ гарчи шогирд ҳаст,
Нигар, то куҷо меҳрубониш ҳаст.
Баҳорон сӯи рӯди заррин шудем,
Зи баҳри нишоту ба оин шудем.
Ба об андарафтодам аз ногаҳон,
Зи ёрон ба пешам кеҳону меҳон.
Бимондам гирифтори гирдоби сахт,
Ту гуфтӣ, ки баргашт бедор бахт.
Чу огоҳ шуд, бар сари ман давид,
Ба мӯям гирифту маро баркашид.
Дилаш гашт бар диданам нек шод,
Сабук гӯсфанде ба дарвеш дод.
Пас аз хости додори Яздони пок,
Шуд эмин аз ӯ ҷони ман аз ҳалок.
Кунун гар ба дастам бувад ҷону тан,
Надорам дареғ, ар бихоҳад зи ман.
Ки Яздони некидиҳиш ёр бод!
Бадандешу бадгӯи ӯ хор бод!

www.sattor.com

Ҷанги сеюми Хусрави Парвиз бо Баҳроми Чӯбина ва шикаста шудани Баҳром 87
Гурехтани Баҳроми Чӯбина аз пеши Хусрав ва расидан назди хоқони Чин 91
Номаи Хусрави Парвиз ба қайсар ба пирӯзӣ ва посухномаи қайсар 95
Хашм гирифтани Ниётус бар Биндуй ва оштӣ кардани Марям дар миёнашон 99
Бозгаштани Ниётус ва румиён аз Эрон назди қайсари Рум 103
Зории Фирдавсӣ аз мурдани фарзанди хеш 107
Достони Баҳроми Чӯбина бо хоқони Чин 109
Кушта шудани Мақотура ба дасти Баҳроми Чӯбина 114
Куштани Дад духтари хоқонро 117
Кушта шудани Шери Каппӣ бар дасти Баҳроми Чӯбина 122
Огоҳӣ ёфтани Хусрави Парвиз аз кори Баҳром ва нома навиштан ба хоқон 125
Сипоҳ оростани хоқони Чин 129
Фиристодани Хусрав Харроди Барзинро ба назди хоқон ва чора кардани ӯ аз куштан Баҳроми Чӯбинаро 131
Фиристодани Харроди Барзин Қулунро ба назди Баҳроми Чӯбина 139
Кушта шудани Баҳроми Чӯбина ба дасти Қулун 142
Огоҳӣ ёфтани хоқон аз марги Баҳром ва табоҳ кардани хонумони Қулун ва навохтани Хусрави Парвиз Харродро 149
Огоҳӣ ёфтани Хусрав аз кушта шудани Баҳроми Чӯбина ва навохтани ӯ Ҳарроди Барзинро 150
Нома навиштани Хоқон ба Гурдия, хоҳари Баҳром ва посухи он 151
Рой задани Гурдия бо паҳлавонони хеш ва гурехтан аз Марв 155
Фиристодани Хоқон Тувургро аз паси Гурдия ва куштани Гурдия ӯро 158
Номаи Гурдия ба Гурдуй 162
Куштани Хусрав Биндуйро ба хуни падараш Ҳурмузд 163
Сар печидани Густаҳм аз Хусрави Парвиз ва хостани ӯ Гурдияро 164
Кушта шудани Густаҳм ба дасти Гурдия ба чораи Хусрави Парвиз ва Гурдуй 168
Нома навиштани Гурдия ба Хусрав ва хостани Хусрави Парвиз ӯро 172
Ҳунар намудани Гурдия назди Хусрав 174
Дар сабаби хароб шудани шаҳри Рай 177
Бозӣ сохтани Гурдия пеши Хусрав ва бахшидани Хусрав Райро ба ӯ 181
Бахш кардани Хусрав подшоҳии худ ва лашкар фиристодан ба марзҳои Эрон 183
Зодани Ширӯя - писари Хусрав ба фоли бад 187
Нома набиштани Хусрав ба қайсар ва посухи қайсар ва хостани ӯ дори Масеҳ 190
Посухи номаи қайсар аз Хусрави Парвиз 198
Достони Хусрави Парвиз ва Ширин 203

www.sattor.com

Рафтани Хусрав ба шикор ва дидани Ширин ва
фиристоданаш ба мушкуйи худ 204
Панд додани бузургон Хусравро 208
Куштани Ширин Марямро ва банд кардани Хусрав Ширӯяро 212
Достони сохтани Хусрав Тоқи Висро 215
Достони Борбади ромишгар 222
Сохтани Хусрав айвони Мадоинро 228
Гуфтор андар бузургии Хусрави Парвиз 235
Дар бедодӣ кардани Хусрав ва носипосии сипоҳи ӯ 238
Баргаштани лашкари Эрон аз Хусрав ва раҳо кардани
Ширӯя аз банд 239
Раҳо кардани сарон Ширӯяро аз банд 246
Огаҳ шудани Хусрав аз кори сипоҳ 250
Гирифтор шудани Хусрави Парвиз ба дасти писараш Ширӯя 254

Подшоҳии Қубоди Парвиз 260
Оғози достон 260
Бар тахт нишастани Ширӯя ва андарз кардан ва фиристодани
сарон назди падар ба панд ва пӯзиш 260
Посух фиристодани Хусрави Парвиз Қубодро 270
Афсӯс хӯрдани Ширӯя бар Хусрави Парвиз ва нохуш шудани
сардорон аз он 288
Шевани Борбад бар Хусрав 291
Хостани бузургон аз Ширӯя марги Хусрав ва кушта шудани ӯ
ба дасти Меҳр Ҳурмузд 294
Достони Ширӯя бо Ширин, зани Хусрави Парвиз ва
кушта шудани Ширӯя 299

Подшоҳии Ардашери Ширӯй 310
Бар тахт нишастани Ардашери Ширӯй ва андарз кардан ба
сардорон 310
Нохуш будани Гуроз аз подшоҳии Ардашер ва ба чораи ӯ
кушта шудани Ардашер ба дасти Фирӯзи Хусрав 311

Подшоҳии Фароини Гуроз 317
Тахт ситадани Гуроз 317
Кушта шудани Фароин ба дасти шаҳрон Гуроз 321

Подшоҳии Пӯрондухт 324
Бар тахт нишастани Пӯрондухт ва куштани ӯ Пирӯзи Хусравро
ва сипарӣ шудани рӯзгораш 324

Подшоҳии Озармдухт 328
Бар тахт нишастани Озармдухт ва мурданаш 328

www.sattor.com

Подшоҳии Фаррухзод 330
Бар тахт нишастани Фаррухзод ва кушта шуданаш ба дасти банда 330

Подшоҳии Яздгирд 333
Бар тахт нишастани Яздгирд ва андарз кардан ба сардорон 333
Тохтани Саъди Ваққос ба Эрон ва фиристодани Яздгирд Рустамро ба ҷанги ӯ 335
Номаи Рустам ба Саъди Ваққос 344
Посухи номаи Рустам аз Саъди Ваққос 347
РазмИ Рустам бо Саъди Ваққос ва кушта шудани Рустам 352
Рой задани Яздгирд бо эрониён ва рафтан сӯи Хуросон 354
Номаи Яздгирд ба Моҳуйи Сурӣ ва ба марзбонони Хуросон 362
Номаи Яздгирд ба марзбонони Тӯс 363
Рафтани Яздгирд ба Тӯс ва пазира шудани Моҳуйи Сурӣ ӯро 370
Барангехтани Моҳуйи Сурӣ Бежанро ба ҷанги Яздгирд ва гурехтани шоҳ дар осиё 372
Фиристодани Моҳуйи Сурӣ осиёбонро ба куштани Яздгирд ва панди мӯбадон дар бораи боздоштани ӯ аз куштанаш 379
Кушта шудани Яздгирд ба дасти Хусрави осиёбон 386
Ба тахт нишастани Моҳуйи Сурӣ 394
Лашкар кашидани Бежан ба ҷанги Моҳуйи Сурӣ 398
Ҷанги Бежан бо Моҳуй ва кушта шудани Моҳуй 402
Таърихи анҷоми «Шоҳнома» 406

www.sattor.com